# КИТОБИ МУҚАДДАС


КИТОБИ
МУҚАДДАС

Аҳди Қадим Аҳди Ҷадид

# КИТОБИ
# МУҚАДДАС
# АҲДИ ҚАДИМ
# ВА
# АҲДИ ҶАДИД

ИНСТИТУТИ ТАРҶУМАИ КИТОБИ МУҚАДДАС
СТОКГОЛЬМ
1999

КИТОБИ МУҚАДДАС
АҲДИ ҚАДИМ ВА АҲДИ ҶАДИД

Тарҷумаи аввалини Китоби Муқаддас бо матни пурра ба забони тоҷикӣ.
Дар с. 1973 тарҷума сар шудааст.
Тарҷума ва таҳрир дар с. 1989 анҷом ёфтааст.
Нашри якум: дар с. 1992 чоп шудааст.
Нашри дуюм: дар с. 1999 чоп шудааст.
Аҳди Қадим аз матни ибронӣ ва
Аҳди Ҷадид аз матни русӣ тарҷума шудааст.
Ношир: Интитути тарҷумаи Китоби Муқаддас, Стокгольм, Шветция.
Тарҷумонҳо: Мордехай бен-Ҳиё Бачаев ва Кемал. Е. Алтай (Инҷили Матто, Марқӯс, Юҳанно).
(c) Институти тарҷумаи Китоби Муқаддас, 1992, 1999
Стокгольм
Тасвир: (c) БФБС 1954, 1967, 1972
ISBN 978-91-89122-02-4

# КИТОБИ МУҚАДДАС

## АҲДИ ҚАДИМ


| | |
|---|---|
| Ҳастӣ | Хуруҷ |
| Ибодат | Ададҳо |
| Такрори Шариат | Еҳушаъ Ибни Нун |
| Доварон | Рут |
| 1 Подшоҳон | 2 Подшоҳон |
| 3 Подшоҳон | 4 Подшоҳон |
| 1 Вақоеънома | 2 Вақоеънома |
| Эзро | Наҳемьё |
| Эстер | Айюб |
| Забур | Масалҳои |
| Воиз | Суруди Сурудҳо |
| Ишаъё | Ирмиё |
| Навҳаҳои Ирмиё | Ҳизқиёл |

Дониёл | Ҳушаъ
Юил | Омӯс
Убадьё | Юнус
Мико | Наҳум
Ҳабаққуқ | Сафаньё
Ҳаҷҷай | Закарьё
Малокӣ

*КИТОБИ ЯКУМИ МУСО*

# ҲАСТӢ


| | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 | 7 | 8 | 9 | 10 |
| 11 | 12 | 13 | 14 | 15 | 16 | 17 | 18 | 19 | 20 |
| 21 | 22 | 23 | 24 | 25 | 26 | 27 | 28 | 29 | 30 |
| 31 | 32 | 33 | 34 | 35 | 36 | 37 | 38 | 39 | 40 |
| 41 | 42 | 43 | 44 | 45 | 46 | 47 | 48 | 49 | 50 |

## Ибтидои офариниш.

1 1 Дар ибтидо Худо осмон ва заминро офарид+.
2 Ва замин дар ҳолати ҳарҷумарҷ буд, ва торикӣ бар рӯи варта;
ва Рӯҳи Худо бар рӯи об дар парвоз буд.

## Рӯзи якум — рӯшноӣ.

3 Ва Худо гуфт: «Рӯшноӣ бишавад». Ва рӯшноӣ шуд.
4 Ва Худо рӯшноиро дид, ки хуб аст; ва Худо рӯшноиро аз торикӣ
ҷудо кард.
5 Ва Худо рӯшноиро рӯз номид, ва торикиро шаб номид. Ва шом
буд, ва субҳ буд: рӯзи аввал.

## Рӯзи дуюм — об ва фалак.

6 Ва Худо гуфт: «Фалаке бошад дар миёни об, ва обро аз об ҷудо
кунад».
7 Ва Худо фалакро ба вуҷуд овард; ва оби зери фалакро аз оби
болои фалак ҷудо кард. Ва чунин шуд.
8 Ва Худо фалакро осмон номид. Ва шом буд, ва субҳ буд: рӯзи
дуюм.

## Рӯзи сеюм — об ва хушкӣ. Олами набототот.

9 Ва Худо гуфт: «Оби зери осмон дар як ҷо ҷамъ шавад, ва хушкӣ
намудор шавад». Ва чунин шуд.
10 Ва Худо хушкиро замин номид, ва маҷмӯи обҳоро баҳрҳо
номид. Ва Худо дид, ки хуб аст.
11 Ва Худо гуфт: «Замин набототот бирӯёнад, алафе ки тухм
меоварад, дарахти меваดоре ки мувофиқи ҷинси худ мева медиҳад,
ки тухмаш дар он бар рӯи замин бошад». Ва чунин шуд.
12 Ва замин набототот рӯёнид, алафе ки мувофиқи ҷинси худ тухм
меоварад, ва дарахти меваดоре ки тухмаш дар он мувофиқи ҷинси
худ бошад. Ва Худо дид, ки хуб аст.
13 Ва шом буд, ва субҳ буд: рӯзи сеюм.

## Рӯзи чорум — пайдо шудани офтоб, моҳ ва ситораҳо.

14 Ва Худо гуфт: «Найирҳо дар фалаки осмон бошанд, то ки рӯзро
аз шаб ҷудо кунанд, ва барои аломатҳо, ва замонҳо, ва рӯзҳо, ва солҳо

бошанд;
[15] Ва найирҳо дар фалаки осмон бошанд, то ки бар замин рӯшноӣ
диҳанд». Ва чунин шуд.
[16] Ва Худо ду найири бузург ба вуҷуд овард: найири аъзам, барои
салтанати рӯз, ва найири асғар, барои салтанати шаб, ва ситорагон;
[17] Ва Худо онҳоро дар фалаки осмон гузошт, то ки бар замин
рӯшноӣ диҳанд,
[18] Ва бар рӯзу шаб салтанат ронанд, ва рӯшноиро аз торикӣ ҷудо
кунанд. Ва Худо дид, ки хуб аст.
[19] Ва шом буд, ва субҳ буд: рӯзи чорум.

## Рӯзи панҷум — олами ҳайвонот.

[20] Ва Худо гуфт: «Об аз ҷонварҳои бешумор пур шавад; ва
паррандагон болои замин, бар рӯи фалаки осмон парвоз кунанд».
[21] Ва Худо наҳангони бузург ва ҳар гуна ҷонварҳои хазандаро, ки
об аз онҳо мувофиқи ҷинсашон пур шуд, ва ҳар гуна паррандагони
болдорро мувофиқи ҷинсашон офарид. Ва Худо дид, ки хуб аст.
[22] Ва Худо онҳоро баракат дода, гуфт: «Борвар ва афзун шавед, ва
обҳои баҳрҳоро пур кунед, ва паррандагон бар замин афзун шаванд».
[23] Ва шом буд, ва субҳ буд: рӯзи панҷум.

## Рӯзи шашум — афзоиши ҷонварон.

[24] Ва Худо гуфт: «Замин ҷони зиндаро мувофиқи ҷинсаш, чорпоён,
ва ҳайвоноти хазанда, ва ҳайвонҳои ваҳшии заминро мувофиқи
ҷинсашон берун оварад». Ва чунин шуд.
[25] Ва Худо ҳайвонҳои ваҳшии заминро мувофиқи ҷинсашон, ва
чорпоёнро мувофиқи ҷинсашон, ва тамоми ҳайвоноти хазандаи
заминро мувофиқи ҷинсаш ба вуҷуд овард. Ва Худо дид, ки хуб аст.

## Офарида шудани одам, ва аҳди аввалин бо вай.

[26] Ва Худо гуфт: «Одамро ба сурати Мо, ба шабоҳати Мо биофарем;
ва онҳо бар моҳиёни баҳр, ва бар паррандагони осмон, ва бар
чорпоён, ва бар тамоми замин, ва бар тамоми ҳайвоноте ки бар
замин мехазад, ҳукм ронанд».
[27] Ва Худо одамро ба сурати Худ офарид, ӯро ба сурати Худо
офарид; онҳоро марду зан офарид+.

28 Ва Худо онҳоро баракат дод, ва Худо ба онҳо гуфт: «Борвар ва
афзун шавед, ва заминро пур кунед, ва онро тасарруф намоед, ва бар
моҳиёни баҳр ва бар паррандагони осмон ва бар ҳар ҳайвоне ки бар
замин мехазад, ҳукмрон бошед».
29 Ва Худо гуфт: «Инак, Ман ҳар алафи тухмдорро, ки бар рӯи
тамоми замин ҳаст, ва ҳар дарахтеро, ки дорои меваи дарахти
тухмдор мебошад, ба шумо додам, то ки барои шумо хӯрок бошад.
30 Ва ба ҳамаи ҳайвонҳои замин, ва ба ҳамаи паррандагони осмон,
ва ба ҳар хазандаи рӯи замин, ки ҷони зинда дорад, Ман тамоми
алафи сабзро барои хӯрок додам». Ва чунин шуд.
31 Ва Худо ҳар он чиро, ки ба амал овард, дид, ва инак, хеле хуб аст.
Ва шом буд, ва субҳ буд: рӯзи шашум.

## Ором гирифтани Худованд дар рӯзи шанбе.

# 2

1 Ва осмону замин ва тамоми анбӯҳи онҳо анҷом ёфт.
2 Ва Худо корҳои Худро, ки карда буд, то рӯзи ҳафтум анҷом
дод, ва дар рӯзи ҳафтум аз ҳамаи корҳои Худ, ки карда буд, ором
гирифт.
3 Ва Худо рӯзи ҳафтумро баракат дод, ва онро тақдис намуд, зеро
ки дар он ором гирифт аз ҳамаи корҳои Худ, ки Худо офарид ва ба
вуҷуд овард.

## Такрори мухтасари ҳикояти офариниш.

4 Ин аст пайдоиши осмон ва замин, дар ҳини офариниши онҳо,
дар рӯзе ки Худованд Худо замин ва осмонро ба вуҷуд овард,
5 Ва ҳеҷ буттаи саҳро ҳанӯз дар замин набуд, ва ҳеҷ алафи саҳро
ҳанӯз нарӯида буд, зеро ки Худованд Худо борон бар замин
наборонида буд, ва одам набуд, ки заминро кор кунад;
6 Ва буғ аз замин баромада, тамоми рӯи заминро сероб мекард.
7 Ва Худованд Худо одамро аз хоки замин бисиришт, ва ба бинии
вай рӯҳи ҳаёт дамид, ва одам ҷони зинда шуд+.

## Маскани одам то вақти маъсияти вай.

8 Ва Худованд Худо боғе дар Адан ба тарафи машриқ шинонд; ва
он одамро, ки сиришта буд, дар он ҷо гузошт.
9 Ва Худованд Худо ҳар гуна дарахти хушнамуд ва хушхӯрро, ва
дарахти ҳаётро дар васати боғ, ва дарахти маърифати неку бадро аз
замин рӯёнид+.
10 Ва наҳре аз Адан берун меомад, то ки боғро сероб кунад; ва аз он
ҷо ба чор шохоб тақсим мешуд.
11 Номи яке Фишӯн аст, ки тамоми замини Ҳавилоро, ки дар он ҷо
тиллост, иҳота мекунад;+
12 Ва тиллои он замин хуб аст; дар он ҷо самғи хушбӯй ва санги
ҷазъ мавҷуд аст.
13 Ва номи наҳри дуюм Ҷайҳун аст, ки тамоми замини Кушро
иҳота мекунад.
14 Ва номи наҳри сеюм Ҳиддақил аст, ки ба тарафи шарқии Ашшур
ҷорист. Ва наҳри чорум Фурот аст+.

15 Ва Худованд Худо одамро гирифт, ва ӯро дар боғи Адан гузошт,
то ки кори онро бикунад ва онро нигаҳдорӣ намояд.
16 Ва Худованд Худо ба одам амр фармуда, гуфт: «Аз ҳар дарахти
боғ хӯрдан гир;
17 Аммо аз дарахти маърифати неку бад зинҳор нахӯр; зеро рӯзе
ки аз он бихӯрӣ, ҳатман хоҳӣ мурд».
18 Ва Худованд Худо гуфт: «Хуб нест, ки одам танҳо бошад; пас
барояш мададгоре ки ба вай мувофиқ бошад, биофарам».
19 Ва Худованд Худо ҳар ҳайвони саҳро ва ҳар паррандаи осмонро
аз хок бисиришт ва назди одам овард, то бубинад, ки онро чӣ гуна
хоҳад хонд, ва он чи одам ҳар ҷони зиндаро бихонад, номи вай ҳамон
шавад.
20 Ва одам ҳамаи чорпоён ва паррандагони осмонро, ва ҳамаи
ҳайвонҳои саҳроро ном ниҳод; лекин барои одам мададгоре ки ба
вай мувофиқ бошад, ёфт нашуд.

## Офарида шудани зан.

21 Ва Худованд Худо хоби сахте бар одам овард; ва ҳангоме ки
хобаш бурд, яке аз қабурғаҳои ӯро гирифт, ва гӯшт дар ҷояш пур
кард+.
22 Ва Худованд Худо аз қабурғае ки аз одам гирифт, зане сохт, ва
ӯро назди одам овард.
23 Ва одам гуфт:
«Ин аст устухоне аз устухонҳоям
ва гӯште аз гӯштам;
вай нисоъ номида шавад;
зеро ки аз инсон гирифта шудааст».
24 Аз ин сабаб мард падару модари худро тарк карда, бо зани худ
хоҳад пайваст; ва як тан хоҳанд буд+.
25 Ва ҳар ду, Одам ва занаш, бараҳна буданд, ва хиҷил намешуданд.

## Озмуда шудани Хавво; ба вуҷуд омадани шакку шубҳа.

**3** 1 Ва мор аз ҳамаи ҳайвонҳои саҳро, ки Худованд Худо ба вуҷуд оварда буд, айёртар буд. Ва ба зан гуфт: «Оё Худо ҳақиқатан гуфтааст, ки аз ҳамаи дарахтони боғ нахӯред?»+
2 Зан ба мор гуфт: «Аз меваи дарахтони боғ хӯрда метавонем,
3 Лекин аз меваи дарахте ки дар васати боғ аст, Худо гуфт, ки нахӯред ва онро ламс накунед, мабодо бимиред»+.
4 Мор ба зан гуфт: «Не, нахоҳед мурд;
5 Балки Худо медонад, ки дар рӯзе ки аз он бихӯред, чашмони шумо воз хоҳад шуд, ва шумо, монанди Худо, орифи неку бад хоҳед шуд».

## Маъсият.

6 Ва зан дид, ки он дарахт барои хӯрок хуб аст, ва назаррабост, ва дарахти дилпазири донишафзост; ва аз меваи он гирифта, хӯрд; ва ба шавҳари худ низ дод, ва ӯ хӯрд+.
7 Ва чашмони ҳар дуи онҳо воз шуд, ва донистанд, ки бараҳнаанд, ва баргҳои анҷирро ба ҳам дӯхта, лӯнгиҳо барои худ сохтанд.

## Оромии рӯзи шанбе халалдор шуд; ибтидои офариниши нав.

8 Ва овози Худованд Худоро шуниданд, ки дар вақти салқинии рӯз дар боғ мегашт; ва Одам ва занаш аз пеши назари Худованд Худо дар миёни дарахтони боғ пинҳон шуданд.
9 Ва Худованд Худо ба Одам хитоб карда, гуфт: «Куҷоӣ ту?»
10 Гуфт: «Чун овозатро дар боғ шунидам, ҳаросон шудам, зеро ки ман бараҳнаам, ва пинҳон шудам».
11 Ва гуфт: «Кӣ ба ту гуфт, ки ту бараҳнаӣ? Оё аз он дарахте ки хӯрданашро ба ту манъ кардам, хӯрдаӣ?»
12 Одам гуфт: «Ин зане ки ба ман додаӣ, аз меваи дарахт ба ман дод, ва ман хӯрдам».
13 Ва Худованд Худо ба зан гуфт: «Ин чӣ кор аст, ки кардӣ?» Зан гуфт: «Мор маро фирефта кард, ва ман хӯрдам».

## Аҳди дуюми Худо бо одам:

## Наҷотдиҳанда ваъда карда шуд.

[14] Ва Худованд Худо ба мор гуфт:
«Азбаски ин корро кардӣ,
аз ҳамаи чорпоён ва аз ҳамаи ҳайвонҳои
саҳро ту малъун бошӣ;
ту бар шикамат роҳ хоҳӣ рафт,
ва тамоми айёми умрат хок хоҳӣ хӯрд.
[15] Ва дар миёни ту ва зан,
ва дар миёни насли ту
ва насли вай адоват меандозам:
вай сари туро хоҳад кӯфт,
ва ту пошнаи варо хоҳӣ кӯфт»+.
[16] Ба зан гуфт:
«Ранҷи туро дар ҳомиладории ту бисьёр афзун мегардонам;
бо дард фарзандон хоҳӣ зоид;
ва иштиёқи ту ба шавҳарат хоҳад буд,
ва ӯ бар ту ҳукмронӣ хоҳад кард»+.
[17] Ва ба Одам гуфт: «Азбаски ба овози занат гӯш додӣ ва аз он дарахт хӯрдӣ, ки амр фармуда, гуфтам:
„Аз он нахӯрӣ“,
замин аз боиси ту малъун шуд;
тамоми айёми умрат аз он бо ранҷ хоҳӣ хӯрд;
[18] Хору хас бароят хоҳад рӯёнид;
ва алафи саҳроро хоҳӣ хӯрд.
[19] Ба araқи ҷабинат нон хоҳӣ хӯрд,
то даме ки ба хок баргардӣ,
ки аз он гирифта шудаӣ;
зеро ки ту хок ҳастӣ,
ва ба хок хоҳӣ баргашт»+.
[20] Ва Одам зани худро Ҳавво* ном ниҳод, зеро ки вай модари ҳамаи зиндаҳо шуд.
[21] Ва Худованд Худо барои Одам ва зани ӯ либос аз пӯст сохт ва онҳоро пӯшонид.

22 Ва Худованд Худо гуфт: «Инак, Одам мисли яке аз Мо орифи
неку бад гардидааст; ва акнун мабодо дасти худро дароз кунад, ва аз
дарахти ҳаёт низ гирифта хӯрад, ва то абад зинда монад»+.
23 Ва Худованд Худо ӯро аз боғи Адан берун кард, то ки заминро,
ки аз он гирифта шудааст, кор кунад.
24 Ва Одамро бадар ронд, ва ба тарафи шарқии боғи Адан
каррубиёнро, ва шамшери оташбори чархзанандаро гузошт, то ки
роҳи дарахти ҳаётро нигаҳбонӣ кунанд.

## Насли аввалин.

**4** [1] Ва Одам бо зани худ Ҳавво хобид; ва ӯ ҳомила шуда, Қобилро
зоид, ва гуфт: «Мардеро аз Худованд пайдо кардам».
[2] Ва боз бародари ӯ Ҳобилро зоид. Ва Ҳобил рамабон буд; ва Қобил
зироаткор буд.
[3] Баъд аз мурури айём, Қобил аз маҳсули замин ҳадияе барои
Худованд овард.
[4] Ва Ҳобил низ аз нахустзодагони рамаи худ ва аз дунбаи онҳо
ҳадияе овард. Ва Худованд Ҳобил ва ҳадияи ӯро манзур дошт;
[5] Аммо Қобил ва ҳадияи ӯро манзур надошт. Ва Қобил хеле ба
хашм омад, ва рӯяш турш шуд.
[6] Ва Худованд ба Қобил гуфт: «Чаро ба хашм омадӣ? Ва чаро рӯят
турш шуд?
[7] Агар некӣ мекардӣ, оё мақбул намешудӣ? Ва чун некӣ накардӣ,
гуноҳ дар сари остона аст, ва иштиёқманди туст, вале ту бар вай
ҳукмфармо шав»+.

## Кушандаи аввалин.

[8] Ва Қобил бо бародари худ Ҳобил сухан гуфт. Ва ҳангоме ки онҳо
дар саҳро буданд, Қобил бар бародари худ Ҳобил қиём кард, ва ӯро
кушт.
[9] Ва Худованд ба Қобил гуфт: «Бародарат Ҳобил куҷост?» Гуфт:
«Намедонам; магар ман посбони бародарам ҳастам?»
[10] Ва гуфт: «Чӣ кор аст, ки кардӣ? Хуни бародарат аз замин сӯи
Ман фарьёд мезанад.
[11] Ва акнун ту малъун ҳастӣ аз замине ки даҳони худро кушодааст,
то ки хуни бародари туро аз дастат фурӯ барад.
[12] Ҳар гоҳ заминро кор кунӣ, он дигар қуввати худро ба ту
надиҳад; ту сарсону овора дар ҷаҳон хоҳӣ буд».
[13] Ва Қобил ба Худованд гуфт: «Ҷазои гуноҳам бузургтар аст аз он
ки бардошта тавонам.
[14] Инак, маро имрӯз аз рӯи замин бадар рондӣ, аз рӯи Ту низ
пинҳон хоҳам шуд, ва сарсону овора дар ҷаҳон хоҳам шуд, ва ҳар кӣ
маро дарьёбад, маро хоҳад кушт».

15 Худованд ба вай гуфт: «Пас ҳар кӣ Қобилро бикушад,
ҳафтчандон аз вай интиқом гирифта шавад». Ва Худованд бар Қобил
аломате гузошт, то ҳар кӣ ӯро дарьёбад, ӯро накушад+.

## Ибтидои тамаддун.

16 Ва Қобил аз пеши Худованд баромада рафт; ва дар замини Нӯд,
ба тарафи шарқии Адан маскан гирифт.
17 Ва Қобил бо зани худ хобид; вай ҳомила шуда, Ҳанӯхро зоид. Ва
ӯ шаҳре бино кард; ва он шаҳрро ба номи писари худ Ҳанӯх номид.
18 Ва ба Ҳанӯх Ирод таваллуд шуд; Ирод Маҳиёилро ба дуньё овард;
Маҳиёил Матушоилро ба дуньё овард; Матушоил Ломакро ба дуньё
овард.
19 Ва Ломак ду зан барои худ гирифт: номи яке Одо буд, ва номи
дигаре Зилло.
20 Одо Ёболро зоид: вай падари хайманишинон ва чорводорон буд.
21 Ва номи бародараш Юбол буд: вай падари ҳамаи навозандагони
ғиҷҷак ва най буд.
22 Зилло низ Тубалқобилро зоид, ки пардозгари ҳар олати мис ва
оҳан буд. Ва хоҳари Тубалқобил Наамо буд.
23 Ва Ломак ба занони худ гуфт:
«Эй Одо ва Зилло!
Овози маро бишнавед,
эй занони Ломак!
Ба сухани ман гӯш диҳед:
ман барои захми худ мардеро куштам,
ва барои зарби худ ҷавонеро.
24 Агар барои Қобил ҳафтчандон интиқом гирифта шавад,
пас барои Ломак ҳафтоду ҳафтчандон».

## Таваллуд ёфтани Шет,

## аз нав барқарор шудани насли рӯҳонӣ.

25 Ва Одам боз бо зани худ хобид; вай писаре зоид, ва ӯро Шет ном
ниҳод; зеро, гуфт, Худо насли дигаре ба ман қарор дод, дар ивази
Ҳобил, ки Қобил ӯро кушт.
26 Ба Шет низ писаре таваллуд шуд, ва ӯро Анӯш номид; дар он
вақт ба хондани исми Худованд шурӯъ карданд.

## Насабномаи Одам ва насли Шет.

5 [1] Ин аст китоби насаби Одам: дар рӯзе ки Худо одамро офарид,
ба шабоҳати Худо ӯро сохт;
[2] Нару мода онҳоро офарид, ва онҳоро баракат дод, ва онҳоро, дар
рӯзи офариниши онҳо, одам ном ниҳод+.
[3] Ва Одам саду сӣ сол бизист, ва писаре ба шабоҳати худ, ба сурати
худ ба дуньё овард, ва ӯро Шет номид+.
[4] Ва айёми Одам, баъд аз таваллуди Шет, ҳаштсад сол буд, ва ӯ
писарону духтарон ба дуньё овард.
[5] Пас тамоми айёми умри Одам нӯҳсаду сӣ сол буд; ва ӯ мурд.
[6] Ва Шет саду панҷ сол бизист, ва Анӯшро ба дуньё овард.
[7] Ва Шет, баъд аз таваллуди Анӯш, ҳаштсаду ҳафт сол бизист, ва
писарону духтарон ба дуньё овард.
[8] Пас тамоми айёми Шет нӯҳсаду дувоздаҳ сол буд; ва ӯ мурд.
[9] Ва Анӯш навад сол бизист, ва Қенонро ба дуньё овард.
[10] Ва Анӯш, баъд аз таваллуди Қенон, ҳаштсаду понздаҳ сол
бизист, ва писарону духтарон ба дуньё овард.
[11] Пас тамоми айёми Анӯш нӯҳсаду панҷ сол буд; ва ӯ мурд.
[12] Ва Қенон ҳафтод сол бизист, ва Маҳалалъилро ба дуньё овард.
[13] Ва Қенон, баъд аз таваллуди Маҳалалъил, ҳаштсаду чил сол
бизист, ва писарону духтарон ба дуньё овард.
[14] Пас тамоми айёми Қенон нӯҳсаду даҳ сол буд; ва ӯ мурд.
[15] Ва Маҳалалъил шасту панҷ сол бизист, ва Ёрадро ба дуньё овард.
[16] Ва Маҳалалъил баъд аз таваллуди Ёрад, ҳаштсаду сӣ сол бизист,
ва писарону духтарон ба дуньё овард.
[17] Пас тамоми айёми Маҳалалъил ҳаштсаду наваду панҷ сол буд;
ва ӯ мурд.
[18] Ва Ёрад саду шасту ду сол бизист, ва Ҳанӯхро ба дуньё овард.
[19] Ва Ёрад, баъд аз таваллуди Ҳанӯх, ҳаштсад сол бизист, ва
писарону духтарон ба дуньё овард.
[20] Пас тамоми айёми Ёрад нӯҳсаду шасту ду сол буд; ва ӯ мурд.
[21] Ва Ҳанӯх шасту панҷ сол бизист, ва Матушолаҳро ба дуньё
овард.
[22] Ва Ҳанӯх, баъд аз таваллуди Матушолаҳ, сесад сол пеши Худо
роҳ рафт, ва писарону духтарон ба дуньё овард.

23 Пас тамоми айёми Ҳанӯх сесаду шасту панҷ сол буд.
24 Ва Ҳанӯх пеши Худо роҳ рафт, ва нопайдо шуд, зеро ки Худо ӯро
гирифт+.
25 Ва Матушолаҳ саду ҳаштоду ҳафт сол бизист, ва Ломакро ба
дуньё овард.
26 Ва Матушолаҳ, баъд аз таваллуди Ломак, ҳафтсаду ҳаштоду ду
сол бизист, ва писарону духтарон ба дуньё овард.
27 Пас тамоми айёми Матушолаҳ нӯҳсаду шасту нӯҳ сол буд; ва ӯ
мурд.
28 Ва Ломак саду ҳаштоду ду сол бизист, ва писаре ба дуньё овард.
29 Ва ӯро Нӯҳ ном ниҳода, гуфт: «Ин моро тасаллӣ хоҳад дод аз
аъмоли мо ва аз заҳмати дастҳои мо аз замине ки Худованд ба он
лаъиат хонд»+.
30 Ва Ломак, баъд аз таваллуди Нӯҳ, панҷсаду наваду панҷ сол
бизист, ва писарону духтарон ба дуньё овард.
31 Пас тамоми айёми Ломак ҳафтсаду ҳафтоду ҳафт сол буд; ва ӯ
мурд.
32 Ва Нӯҳ панҷсадсола буд, ва Нӯҳ Сом, Ҳом ва Ёфатро ба дуньё
овард.

## Тӯфон. Сабабҳои ғазаби Худо.

6 [1] Ва чун одамон бар рӯи замин афзудан гирифтанд, ва ба онҳо
духтарон таваллуд шуданд,
[2] Писарони Худо духтарони одамизодро диданд, ки хушрӯянд, ва
ҳар кадомро, ки хуш мекарданд, барои худ ба занӣ мегирифтанд+.
[3] Ва Худованд гуфт: «Рӯҳи Ман дар одамизод доим нахоҳад монд,
зеро ки вай башар аст; бигзор айёми вай саду бист сол бошад»+.
[4] Дар он рӯзгорон дар замин баҳодурон буданд, алалхусус баъд аз
замоне ки писарони Худо назди духтарони одамизод омаданд, ва
онҳо барояшон фарзанд оварданд. Ин паҳлавонон аз қадимулайём
мардони номвар буданд+.

## Сарнавишт дар бораи доварӣ.

[5] Ва Худованд дид, ки бадкирдории одамизод дар замин бисьёр
аст, ва ҳамаи фикру андешаҳои дили ӯ ҳамеша фақат бад аст+.
[6] Ва Худованд пушаймон шуд, ки одамизодро бар замин ба вуҷуд
овард, ва дилаш маҳзун шуд+.
[7] Ва Худованд гуфт: «Одамизодро, ки офаридаам, аз рӯи замин
маҳв месозам, аз одамизод то чорпоён, то ҳайвоноти хазанда ва то
паррандагони осмон маҳв месозам; зеро пушаймонам, ки онҳоро ба
вуҷуд овардаам».

## Сарнавишт дар бораи файз.

[8] Аммо Нӯҳ дар назари Худованд илтифот ёфт.
[9] Ин аст насаби Нӯҳ: Нӯҳ марди одил буд, ва дар насли худ
покдоман; Нӯҳ пеши Худо роҳ мерафт+.
[10] Ва Нӯҳ се писар: Сом, Ҳом ва Ёфатро ба дуньё овард.
[11] Ва замин пеши Худо фосид шуд, ва замин аз ситам пур шуд.
[12] Ва Худо заминро дид, ки инак, он фосид шудааст: зеро ки ҳар
башар роҳи худро бар замин фосид кардааст.
[13] Ва Худо ба Нӯҳ гуфт: «Интиҳои ҳар башар пеши Ман фаро
расидааст; зеро ки замин аз дасти онҳо аз ситам пур шудааст. Ва
инак, Ман онҳоро аз замин нест мекунам.
[14] Барои худ киштие аз чӯби ҷӯфар бисоз; лонаҳо дар киштӣ бино
кун, ва онро аз дарун ва аз берун қир бимол.

[15] Ва онро ин тавр бисоз: қади киштӣ сесад зироъ бошад, бари он —
панҷоҳ зироъ, ва баландии он — сӣ зироъ.
[16] Равзане дар киштӣ бисоз, ва онро ба зирое аз боло тамом кун, ва
дари киштиро аз паҳлуи он бигузор; ва қабатҳои поён, миёна ва боло
дар он бисоз.
[17] Ва инак, Ман тӯфони обро бар замин меоварам, то ҳар
махлуқеро, ки рӯҳи ҳаёт дар он бошад, аз зери осмон нест кунам; ва
ҳар чӣ бар замин аст, хоҳад мурд.
[18] Ва аҳди Худро бо ту барқарор мекунам, ва ба киштӣ медароӣ, ту,
ва писаронат, ва занат, ва занони писаронат бо ту.
[19] Ва аз тамоми ҳайвонот, аз ҳар махлуқе ҷуфте ба киштӣ дохил
кун, то ки бо худ зинда нигоҳ дорӣ: нар ва мода бошанд.
[20] Аз паррандагон мувофиқи ҷинсашон, ва аз чорпоён мувофиқи
ҷинсашон, ва аз тамоми ҳайвоноти хазандаи замин мувофиқи
ҷинсаш, ҷуфт-ҷуфт аз ҳама назди ту оянд, то ки зинда нигоҳ дорӣ.
[21] Ва аз ҳар озуқае ки хӯрда шавад, бигир ва назди худ захира
намо, то ки барои ту ва онҳо хӯрок бошад».
[22] Ва Нӯҳ чунин кард; ҳар он чиро, ки Худо ба ӯ фармуда буд, ба ҷо
овард.

## Тӯфон ҳамчун зуҳури доварии Худо.

7 1 Ва Худованд ба Нӯҳ гуфт: «Ту ва тамоми аҳли байтат ба киштӣ
дароед; зеро ки туро дар ин насл пеши Худам одил дидам.
2 Аз ҳар чорпои пок ҳафт-ҳафт, нар ва мода, бо худ бигир, ва аз
чорпои нопок ҷуфт-ҷуфт, нар ва мода.
3 Аз паррандагони осмон низ ҳафт-ҳафт, нар ва мода, то ки насле
бар рӯи тамоми замин нигоҳ дорӣ.
4 Зеро, баъд аз ҳафт рӯз, Ман чил рӯз ва чил шаб ба замин борон
мебоserved; ва тамоми махлуқотеро, ки офаридаам, аз рӯи замин
маҳв мекунам».
5 Ва Нӯҳ ҳар он чиро, ки Худованд ба ӯ фармуд, ба ҷо овард.
6 Ва Нӯҳ шашсадсола буд, чун тӯфони об бар замин омад.
7 Ва Нӯҳ, ва писаронаш, ва занаш, ва занони писаронаш бо ӯ аз
боиси оби тӯфон ба киштӣ даромаданд.
8 Аз чорпоёни пок, ва аз чорпоёни нопок, ва аз паррандагон, ва аз
тамоми ҳайвоноти хазандаи замин,
9 Ҷуфт-ҷуфт, нар ва мода, назди Нӯҳ ба киштӣ даромаданд, чунон
ки Худо ба Нӯҳ фармуда буд.
10 Ва баъд аз ҳафт рӯз оби тӯфон бар замин омад.
11 Дар соли шашсадуми ҳаёти Нӯҳ, дар моҳи дуюм, дар рӯзи
ҳафдаҳуми моҳ, дар ҳамон рӯз ҳамаи чашмаҳои вартаи азим
шикофта шуд, ва равзанҳои осмон кушода.
12 Ва борон чил рӯз ва чил шаб бар рӯи замин борид.
13 Дар худи ҳамон рӯз Нӯҳ, ва Сом, Ҳом ва Ёфат, писарони Нӯҳ, ва
зани Нӯҳ, ва се зани писаронаш бо онҳо ба киштӣ даромаданд.
14 Онҳо, ва ҳамаи ҳайвонҳо мувофиқи ҷинсашон, ва ҳар гуна
чорпоён мувофиқи ҷинсашон, ва тамоми ҳайвоноте ки бар замин
мехазад, мувофиқи ҷинсаш, ва ҳамаи паррандагон мувофиқи
ҷинсашон, ҳамаи мурғон, ҳамаи болдорон,
15 Ҷуфт-ҷуфт аз ҳар махлуқе ки рӯҳи ҳаёт дорад, назди Нӯҳ ба
киштӣ омаданд.
16 Ва онҳое ки омаданд, нар ва мода аз ҳар махлуқ омаданд, чунон
ки Худо ба ӯ фармуда буд. Ва Худованд дарро аз пушти ӯ баст.
17 Ва тӯфон чил рӯз бар замин давом кард, ва об афзуд, ва киштиро
бардошт, ва он аз замин баланд шуд.

[18] Ва об пурзӯр мешуд ва бар замин хеле меафзуд; ва киштӣ бар
сатҳи об шино мекард.
[19] Ва об бар замин хеле ва хеле пурзӯр шуд, ва ҳамаи кӯҳҳои
баланде ки зери тамоми осмон буд, пӯшида шуд.
[20] Об пурзӯр шуда, понздаҳ зироъ болотар баромад, ва кӯҳҳо
пӯшида шуд.
[21] Ва тамоми ҳайвоноте ки бар замин мехазид, ва паррандагон, ва
чорпоён, ва ҳайвонҳои ваҳшӣ, ва ҳар махлуқе ки бар замин ҳаракат
мекард, ва ҳамаи одамон мурданд.
[22] Ҳар он чи дар хушкӣ дами рӯҳи ҳаёт дар димоғаш буд, мурд.
[23] Ва ҳар махлуқе ки бар рӯи замин буд, аз одам то чорпоён, то
ҳайвоноти хазанда ва то паррандагони осмон аз замин маҳв шуд:
фақат Нӯҳ, ва он чи бо ӯ дар киштӣ буд, боқӣ монд.
[24] Ва об бар замин саду панҷоҳ рӯз пурзӯр мешуд.

## Анҷоми тӯфон.

8 [1] Ва Худо Нӯҳ ва ҳамаи ҳайвонҳои ваҳшӣ ва ҳамаи чорпоёнро,
ки бо ӯ дар киштӣ буданд, ба ёд овард; ва Худо боде бар замин
вазонид, ва об фурӯ нишаст.
[2] Ва чашмаҳои варта ва равзанҳои осмон баста шуд, ва борон аз
осмон бозистод.
[3] Ва об рафта-рафта аз рӯи замин баргашт, ва баъд аз гузаштани
саду панҷоҳ рӯз об кам шуд.
[4] Ва дар моҳи ҳафтум, дар рӯзи ҳафдаҳуми моҳ, киштӣ бар кӯҳҳои
Аророт қарор гирифт+.
[5] Ва то моҳи даҳум об рафта-рафта кам мешуд; ва дар рӯзи аввали
моҳи даҳум қуллаҳои кӯҳҳо намудор шуд.
[6] Ва баъд аз гузаштани чил рӯз Нӯҳ даричаи киштиро, ки сохта
буд, воз кард.
[7] Ва зоғро сар дод, ва он берун парида, мерафту меомад, то даме
ки оби рӯи замин хушк шуд.
[8] Баъд кабӯтарро аз пеши худ сар дод, то бубинад, ки оё об аз рӯи
замин фуромадааст.
[9] Аммо кабӯтар ҷои осоише барои кафи пои худ наёфт, ва назди ӯ
ба киштӣ баргашт; зеро ки об дар тамоми рӯи замин буд; ва ӯ дасти
худро дароз кард ва онро гирифта, назди худ ба киштӣ даровард.
[10] Ва ҳафт рӯзи дигар таваққуф намуд; ва боз кабӯтарро аз киштӣ
сар дод.
[11] Ва шомгоҳ кабӯтар назди ӯ баргашт; ва инак, барги тозаи зайтун
дар минқори вай; ва Нӯҳ донист, ки об аз рӯи замин фуромадааст.
[12] Ва боз ҳафт рӯзи дигар таваққуф намуда, кабӯтарро сар дод; ва
он дигар назди ӯ гашта наомад.
[13] Ва дар соли шашсаду якум, дар моҳи аввал, дар рӯзи якуми моҳ,
оби рӯи замин хушк шуд; ва Нӯҳ сарпӯши киштиро бардошта,
нигарист, ва инак, рӯи замин хушк буд.
[14] Ва дар моҳи дуюм, дар рӯзи бисту ҳафтуми моҳ, замин хушк
шуд.
[15] Ва Худо Нӯҳро хитоб карда, гуфт:
[16] «Аз киштӣ берун ой, ту, ва занат, ва писаронат, ва занони
писаронат бо ту.

[17] Ва ҳамаи ҳайвонҳоеро, ки назди худ дорӣ, ҳар махлуқеро аз
паррандагон, ва чорпоён, ва тамоми ҳайвоноте ки бар замин
мехазад, бо худ берун овар, то ки бар замин паҳн шуда раванд, ва
борвар ва афзун шаванд»+.
[18] Ва Нӯҳ, ва писаронаш, ва занаш, ва занони писаронаш бо ӯ берун
омаданд.
[19] Ҳамаи ҳайвонҳои ваҳшӣ, ва тамоми ҳайвоноти хазанда, ва
ҳамаи паррандагон, ва ҳар чӣ бар замин ҳаракат мекунад, мувофиқи
ҷинсҳои худ, аз киштӣ баромаданд.

## Аҳди сеюми Худо бо одам.

[20] Ва Нӯҳ қурбонгоҳе барои Худованд бино кард; ва аз ҳар чорпои
пок, ва аз ҳар паррандаи пок гирифта, қурбониҳои сӯхтанӣ бар
қурбонгоҳ гузаронид+.
[21] Ва Худованд атри гуворо бӯид, ва Худованд дар дили Худ гуфт:
«Заминро бори дигар аз боиси одамизод лаънат накунам, зеро ки
андешаи дили одам аз наврасии ӯ бад аст; ва ҳамаи ҷонваронро бори
дигар талаф накунам, чунон ки кардам+.
[22] Минбаъд дар тамоми айёми замин
кишт ва дарав,
сармо ва гармо,
тобистон ва зимистон,
рӯз ва шаб
хотима нахоҳад ёфт».

## Ҳукмфармоии одам. Аҳди сеюм; рангинкамон.

9 [1] Ва Худо Нӯҳ ва писаронашро баракат дода, ба онҳо гуфт:
«Борвар ва афзун шавед, ва заминро пур кунед+.
[2] Ва ҳайбати шумо ва салобати шумо бар ҳамаи ҳайвонҳои ваҳшии
замин, ва бар ҳамаи паррандагони осмон, ва бар ҳар чӣ бар замин
мехазад, ва бар ҳамаи моҳиёни баҳр хоҳад буд; онҳо ба дасти шумо
супурда шуданд.
[3] Ҳар ҷунбандае ки зинда аст, барои шумо ғизо бошад; ҳамаро чун
алафи сабз ба шумо додам+.
[4] Фақат гӯштро бо ҷони он, яъне бо хуни он, нахӯред+.
[5] Ва хуни шуморо низ, ки ҷони шумост, талаб хоҳам кард, аз дасти
ҳар ҳайвон онро талаб хоҳам кард, ва ҷони одамизодро аз дасти
одамизод, аз дасти бародари ӯ талаб хоҳам кард.
[6] Ҳар кӣ хуни одамизодро резад,
хуни ӯ ба дасти одам рехта шавад:
зеро ки одам ба сурати Худо
офарида шудааст+.
[7] Ва шумо борвар ва афзун шавед,
ва дар рӯи замин паҳн шуда равед, ва дар он биафзоед».
[8] Ва Худо Нӯҳ ва писаронашро бо ӯ хитоб карда, гуфт:
[9] «Инак, Ман аҳди Худро бо шумо ва баъд аз шумо бо насли шумо
барқарор мекунам,
[10] Ва бо ҳар ҷони зиндае ки бо шумо бошад, бо паррандагон, бо
чорпоён ва бо ҳамаи ҳайвонҳои ваҳшии замин, ки бо шумо бошанд,
бо ҳар он чи аз киштӣ берун омад, бо ҳамаи ҳайвонҳои замин;
[11] Аҳди Худро бо шумо барқарор мекунам, ки бори дигар ҳар
махлуқ аз оби тӯфон ҳалок нашавад, ва бори дигар тӯфон барои
хароб кардани замин рӯй надиҳад».
[12] Ва Худо гуфт: «Ин аст аломати аҳде ки Ман мебандам дар миёни
Худам ва шумо ва ҳар ҷони зиндае ки бо шумо бошад, аз насл ба насл
то абад:
[13] Рангинкамони Худро дар абр мегузорам, то ки аломати аҳди
байни Ман ва замин бошад.
[14] Ва чунин воқеъ хоҳад шуд, ки ҳар гоҳ Ман абрро бар замин
равона кунам, ва рангинкамон дар абр намудор гардад,

[15] Ман аҳди Худро, ки дар миёни Ман ва шумо ва ҳар ҷони зиндаи
ҳар махлуқ аст, ба ёд хоҳам овард; ва бори дигар оби тӯфон барои
ҳалок кардани ҳар махлуқ рӯй нахоҳад дод.
[16] Ва чун рангинкамон дар абр бошад, Ман онро дида, он аҳди
ҷовидониро, ки дар миёни Худо ва ҳар ҷони зиндаи ҳар махлуқи рӯи
замин аст, ба ёд меоварам».
[17] Ва Худо ба Нӯҳ гуфт: «Ин аст аломати аҳде ки барқарор мекунам
дар миёни Худам ва ҳар махлуқе ки бар замин аст».
[18] Писарони Нӯҳ, ки аз киштӣ берун омаданд, Сом, Ҳом ва Ёфат
буданд. Ва Ҳом падари Канъон аст.
[19] Ин се нафар писарони Нӯҳ буданд, ва аз онҳо тамоми замин
маскун гашт.

## Гуноҳи Ҳом.

[20] Ва Нӯҳ ба коркарди замин шурӯъ намуд, ва токзоре шинонд.
[21] Ва шароб нӯшида, маст шуд, ва дар хаймаи худ бараҳна хобид+.
[22] Ва Ҳом, падари Канъон, аврати падари худро дид, ва берун
баромада, ба ду бародараш нақл кард+.
[23] Сом ва Ёфат ҷомаро гирифта, бар китфи худ партофтанд, ва
ақибнокӣ рафта, аврати падари худро пӯшониданд; ва азбаски
рӯяшон ба ақиб нигаронида шуда буд, онҳо аврати падари худро
надиданд.

## Нубуввати Нӯҳ.

[24] Ва Нӯҳ аз нашъаи шароби худ ҳушёр шуда, фаҳмид, ки писари
хурдияш дар ҳаққи ӯ чӣ кор кардааст;
[25] Ва гуфт:
«Канъон малъун бод; пеши бародарони худ
бандаи бандагон бошад».
[26] Ва гуфт:
«Муборак аст Худованд
Худои Сом; бигзор
Канъон бандаи Сом бошад.
[27] Худо Ёфатро вусъат диҳад;
ва дар хаймаҳои Сом маскан гирад;
ва Канъон бандаи онҳо бошад».

## Насли Нӯҳ.

28 Ва Нӯҳ баъд аз тӯфон сесаду панҷоҳ сол бизист.
29 Пас тамоми айёми Нӯҳ нӯҳсаду панҷоҳ сол буд; ва ӯ мурд.

## Насабномаи Нӯҳ.

10 1 Ин аст насаби писарони Нӯҳ: Сом, Ҳом ва Ёфат. Ба онҳо баъд
аз тӯфон писарон таваллуд шуданд.
2 Писарони Ёфат: Ҷӯмар, Моҷӯҷ, Модай, Ёвон, Тубол, Машак ва
Тирос.
3 Писарони Ҷӯмар: Ашканаз, Рифат ва Тӯҷармо.
4 Писарони Ёвон: Алишо, Таршиш, Киттим ва Дӯдоним+.
5 Аз онҳо халқҳои соҳилҳо дар заминҳои худ паҳн шуданд, ҳар яке
мувофиқи забони худ, мувофиқи қабилаҳои худ, дар халқҳои худ.
6 Писарони Ҳом: Куш, Миср, Фут ва Канъон.
7 Писарони Куш: Сабо, Ҳавило, Сабто, Раъмо ва Сабтако. Писарони
Раъмо: Шабо ва Дадон+.
8 Ва Куш Нимрӯдро ба дуньё овард: ӯ ба пурзӯр шудан бар рӯи
замин шурӯъ кард.
9 Ӯ пеши Худованд сайёди пурзӯр буд; ба ҳамин сабаб мегӯянд:
«Мисли Нимрӯд сайёди пурзӯр пеши Худованд».
10 Ибтидои мамлакати ӯ Бобил, Арак, Аккад ва Калне дар замини
Шинъор буд.
11 Аз он замин Ашшур баромада, Нинве, Раҳӯбӯир ва Колаҳро бино
кард,+
12 Ва Расанро дар миёни Нинве ва Колаҳ; ва он шаҳри бузург буд.
13 Ва Миср Лудим, Аномим, Лаҳобим ва Нафтуҳимро ба дуньё
овард,
14 Ва Фатрусим ва Каслуҳимро, ки аз он ҷо фалиштиён пайдо
шудаанд, ва Кафтӯримро.
15 Ва Канъон Сидӯн нахустзодаи худ ва Ҳитро ба дуньё овард,
16 Ва Ябусӣ, Амӯрӣ ва Ҷирҷоширо,
17 Ва Ҳиввӣ, Арқӣ ва Синиро,
18 Ва Арводӣ, Саморӣ ва Ҳамотиро. Баъд аз он қабилаҳои канъонӣ
паҳн шуда рафтанд.
19 Ва ҳудуди канъониён аз Сидӯн ба самти Ҷарор то Ғазза буд ва ба
самти Садӯм, Амӯро, Адмо ва Сабӯим то Лошаъ.
20 Инҳоянд писарони Ҳом, мувофиқи қабилаҳои онҳо, мувофиқи
забонҳои онҳо, дар заминҳои онҳо, дар халқҳои онҳо.

[21] Ба Сом низ, ки падари ҳамаи писарони Эбар ва бародари
калонии Ёфат буд, писарон таваллуд шуданд+.
[22] Писарони Сом: Элом, Ашшур, Арфакшад, Луд ва Арам.
[23] Ва писарони Арам: Ус, Ҳул, Ҷатар ва Маш.
[24] Ва Арфакшад Шолаҳро ба дуньё овард, ва Шолаҳ Эбарро ба дуньё
овард.
[25] Ва ба Эбар ду писар таваллуд шуд: яке Фолаҷ ном дошт, зеро ки
дар айёми ӯ замин тақсим шудааст; ва номи бародараш — Ёқтон.
[26] Ва Ёқтон Алмӯдод, Шолаф, Ҳазармавт ва Ёраҳро ба дуньё овард,
[27] Ва Ҳадӯром, Узол ва Диқлоро,
[28] Ва Ӯбол, Абимоил ва Шаборо,
[29] Ва Ӯфир, Ҳавило ва Йӯбобро. Ҳамаи онҳо писарони Ёқтон
буданд+.
[30] Ва маскани онҳо аз Мешо буд ба самти Сафоро, кӯҳи шарқӣ.
[31] Инҳоянд писарони Сом мувофиқи қабилаҳои онҳо, мувофиқи
забонҳои онҳо, дар заминҳои онҳо мувофиқи халқҳои онҳо.
[32] Инҳоянд қабилаҳои писарони Нӯҳ, мувофиқи насаби онҳо, дар
халқҳои онҳо. Аз онҳо баъд аз тӯфон халқҳо бар рӯи замин паҳн
шуданд.

## Бино кардани бурҷ.

# 11

1 Дар тамоми замин як забон ва як лаҳҷа буд.
2 Ҷун аз шарқ кӯч мекарданд, даште дар замини Шинъор
ёфтанд ва дар он ҷо маскан гирифтанд+.
3 Ва ба якдигар гуфтанд: «Биёед, хишт резем, ва онро дар дош
пазем». Ва онҳоро хишт ба ҷои санг буд, ва қир ба ҷои гил.
4 Ва гуфтанд: «Биёед, шаҳре барои худ бино кунем, ва бурҷе ки
сараш ба осмон бирасад; ва номе барои худ пайдо кунем, мабодо бар
рӯи тамоми замин пароканда шавем».

## Махлут кардани забонҳо.

5 Ва Худованд фурӯд омад барои дидани шаҳр ва бурҷе ки
фарзандони одам бино мекарданд.
6 Ва Худованд гуфт: «Инак, қавм як аст, ва ҳамаи онҳоро забон як
аст; ва ин корро шурӯъ кардаанд, ва акнун ҳар коре ки карданӣ
шудаанд, барояшон дастнорас нахоҳад буд.
7 Пас фурӯд оем, ва забони онҳоро дар он ҷо махлут кунем, то ки
сухани якдигарро нафаҳманд».
8 Ва Худованд онҳоро аз он ҷо бар рӯи тамоми замин пароканда
кард; ва онҳо сохтани шаҳрро бас карданд+.
9 Аз ҳамин сабаб он ҷоро Бобил номидаанд; зеро ки дар он ҷо
Худованд забони тамоми заминро махлут кард, ва аз он ҷо Худованд
онҳоро бар рӯи тамоми замин пароканда кард.

## Насаби Абром.

10 Ин аст насаби Сом: Сом садсола буд, ва Арфакшадро баъд аз ду
соли тӯфон ба дуньё овард.
11 Ва Сом, баъд аз таваллуди Арфакшад, панҷсад сол бизист, ва
писарону духтарон ба дуньё овард.
12 Ва Арфакшад сию панҷ сол бизист, ва Шолаҳро ба дуньё овард.
13 Ва Арфакшад, баъд аз таваллуди Шолаҳ, чорсаду се сол бизист,
ва писарону духтарон ба дуньё овард.
14 Ва Шолаҳ сӣ сол бизист, ва Эбарро ба дуньё овард.
15 Ва Шолаҳ, баъд аз таваллуди Эбар, чорсаду се сол бизист, ва
писарону духтарон ба дуньё овард.

16 Ва Эбар сию чор сол бизист, ва Фолаҷро ба дуньё овард.
17 Ва Эбар, баъд аз таваллуди Фолаҷ, чорсаду сӣ сол бизист, ва
писарону духтарон ба дуньё овард.
18 Ва Фолаҷ сӣ сол бизист, ва Рауро ба дуньё овард.
19 Ва Фолаҷ, баъд аз таваллуди Рау, дусаду нӯҳ сол бизист, ва
писарону духтарон ба дуньё овард.
20 Ва Рау сию ду сол бизист, ва Саруҷро ба дуньё овард.
21 Ва Рау, баъд аз таваллуди Саруҷ, дусаду ҳафт сол бизист, ва
писарону духтарон ба дуньё овард.
22 Ва Саруҷ сӣ сол бизист, ва Ноҳӯрро ба дуньё овард.
23 Ва Саруҷ, баъд аз таваллуди Ноҳӯр, дусад сол бизист, ва
писарону духтарон ба дуньё овард.
24 Ва Ноҳӯр бисту нӯҳ сол бизист, ва Тораҳро ба дуньё овард.
25 Ва Ноҳӯр, баъд аз таваллуди Тораҳ, саду нуздаҳ сол бизист, ва
писарону духтарон ба дуньё овард.
26 Ва Тораҳ ҳафтод сол бизист, ва Абром, Ноҳӯр ва Ҳоронро ба
дуньё овард.
27 Ва ин аст насаби Тораҳ: Тораҳ Абром, Ноҳӯр ва Ҳоронро ба дуньё
овард. Ҳорон Лутро ба дуньё овард.
28 Ва Ҳорон пеш аз фавти падари худ Тораҳ, дар замини таваллуди
худ, дар Ури калдониён мурд.
29 Ва Абром ва Ноҳӯр занон барои худ гирифтанд: номи зани
Абром — Сорай ва номи зани Ноҳӯр — Милко, духтари Ҳорон, падари
Милко ва падари Иско.
30 Ва Сорай бенасл буда, бача надошт.
31 Ва Тораҳ писари худ Абром ва набераи худ Лут, писари Ҳорон,
ва келини худ Сорай, зани писараш Абромро гирифта, бо онҳо аз Ури
калдониён берун омад, то ки ба замини Канъон бираванд, вале ба
Ҳоррон расида, дар он ҷо маскан гирифтанд.
32 Ва айёми Тораҳ дусаду панҷ сол буд, ва Тораҳ дар Ҳоррон мурд.

## Ваъда. Аз вақти даъват шудани Абром то вақти қонунгузорӣ.

## Аҳди чоруми Худо бо одам.

12 [1] Ва Худованд ба Абром гуфт:
«Аз замини худ,
аз ақрабои худ
ва аз хонаи падари худ
сӯи замине ки ба ту нишон диҳам, равона шав+.
[2] Ва аз ту халқи бузурге ба вуҷуд оварам,
ва туро баракат диҳам,
ва номи туро бузург созам:
ва ту намунаи баракат хоҳӣ шуд.
[3] Ва баракат диҳам онҳоеро, ки туро муборак хонанд,
ва лаънат гӯям ба онҳое ки туро малъун хонанд;
ва дар ту ҳамаи қабилаҳои рӯи замин баракат хоҳанд хост»+.

## Абром дар замини мавъуд.

[4] Ва Абром, чунон ки Худованд ба ӯ фармуд, равона шуд; ва Лут
ҳамроҳи ӯ рафт. Ва Абром ҳафтоду панҷсола буд, ҳангоме ки аз
Ҳоррон берун омад.
[5] Ва Абром зани худ Сорай ва бародарзодаи худ Лутро бо тамоми
дороие ки андӯхта буданд, ва бо ашхосе ки дар Ҳоррон доштанд,
гирифт; ва берун омаданд, то ки сӯи замини Канъон равона шаванд;
ва ба замини Канъон омаданд.
[6] Ва Абром заминро тай карда, то мавзеи Шакем, то булутзори
Мӯре расид. Ва дар он вақт канъониён дар ин замин буданд.
[7] Ва Худованд бар Абром зоҳир гардида, гуфт: «Ба насли ту ин
заминро медиҳам». Ва дар он ҷо барои Худованд, ки бар ӯ зоҳир шуд,
қурбонгоҳе бино кард.
[8] Ва аз он ҷо ба кӯҳе ки аз Байт-Ил ба тарафи шарқ аст, кӯч кард; ва
хаймаи худро барафрошт, ва Байт-Ил ба тарафи ғарбӣ ва Ай ба
тарафи шарқии он буд; ва дар он ҷо қурбонгоҳе барои Худованд бино
кард ва исми Худовандро хонд.
[9] Ва Абром рахт баста, ба самти ҷануб роҳ паймудан гирифт.

## Абром дар Миср.

[10] Ва дар он замин қаҳтӣ буд. Ва Абром ба Миср фурӯд омад, то ки
дар он ҷо зиндагӣ кунад; зеро ки қаҳтӣ дар он замин шиддат ёфт+.
[11] Вақте ки ба Миср наздик меомад, ба зани худ Сорай гуфт: «Инак,
ман медонам, ки ту зани хушрӯй ҳастӣ;
[12] Ва чун мисриён туро бинанд, гӯянд: „Ин зани ӯст“; пас маро
бикушанд, ва туро зинда нигоҳ доранд.
[13] Пас бигӯ, ки ту хоҳари ман ҳастӣ, то ки ба хотири ту ба ман
некӣ шавад, ва ҷонам ба туфайли ту зинда монад»+.
[14] Ва ҳангоме ки Абром ба Миср омад, мисриён ин занро диданд,
ки хеле хушрӯй аст;
[15] Ва акобири фиръавн варо диданд, ва дар ҳузури фиръавн варо
ситоиш карданд; ва ин зан ба хонаи фиръавн гирифта оварда шуд.
[16] Ва ба хотири вай ба Абром некӣ кард; ва Абром соҳиби
гӯсфандон, ва говон, ва харон, ва ғуломон, ва канизон, ва хачирон, ва
шутурон гардид.
[17] Ва Худованд фиръавн ва аҳли байти ӯро аз боиси Сорай, зани
Абром, ба балоҳои бад гирифтор кард.
[18] Ва фиръавн Абромро хонда, гуфт: «Ин чӣ кор аст, ки ба ман
кардӣ? Чаро ба ман нагуфтӣ, ки вай зани туст?
[19] Чаро гуфтӣ: „Вай хоҳари ман аст“? Ва ман варо ба занӣ
гирифтанӣ будам. Ва акнун инак зани ту; бигир ва бирав».
[20] Ва фиръавн дар ҳаққи ӯ ба одамони худ амр фармуд, ва ӯро бо
занаш ва бо ҳар чизе ки дошт, гуселониданд.

## Аз Миср баргаштани Абром ва қурбонгоҳ сохтани вай.

13 [1] Ва Абром аз Миср рахт баста, бо занаш, ва бо ҳар чизе ки
дошт, ва бо ҳамроҳии Лут ба ҷануб омад.
[2] Ва Абром аз чорво, ва нуқра, ва тилло хеле бой буд.
[3] Ва аз ҷануб то Байт-Ил роҳ паймуда, ба мақоме расид, ки дар он
ҷо пештар хаймаи ӯ дар миёни Байт-Ил ва Ай буд,
[4] Ба мақоми қурбонгоҳе ки дар он ҷо ӯ дар ибтидо бино карда буд;
ва дар он ҷо Абром исми Худовандро хонда буд.

## Абром аз Лут ҷудо мешавад.

[5] Лут низ, ки ҳамроҳи Абром мегашт, гӯсфандон, ва говон, ва
хаймаҳо дошт.
[6] Вале замин ба онҳо гунҷоиш намедод, ки дар як ҷо сокин
шаванд, зеро ки дороияшон бисьёр буд, ва наметавонистанд дар як ҷо
сокин шаванд.
[7] Ва дар миёни чӯпонони чорвои Абром ва чӯпонони чорвои Лут
низоъ афтод; ва дар он замон канъониён ва фариззиён сокини он
замин буданд.
[8] Ва Абром ба Лут гуфт: «Зинҳор, дар миёни ман ва ту, ва дар
миёни чӯпонони ман ва чӯпонони ту низое набошад; зеро ки мо хешу
табор ҳастем+.
[9] Магар тамоми замин пеши ту нест? Пас, хоҳишмандам, ки аз ман
ҷудо шавӣ. Агар ба тарафи чап равӣ, ман ба тарафи рост хоҳам рафт;
ва агар ба тарафи рост равӣ, ман ба тарафи чап хоҳам рафт».
[10] Ва Лут чашм андохта, тамоми водии Урдунро дид, ки он, пеш аз
он ки Худованд Садӯм ва Амӯроро хароб кунад, сар ба сар то Сӯар,
мисли боғи Худованд, мисли замини Миср обшор буд+.
[11] Ва Лут тамоми водии Урдунро барои худ ихтиёр кард; ва Лут ба
тарафи шарқ кӯч кард. Ва онҳо аз якдигар ҷудо шуданд.
[12] Абром дар замини Канъон сокин шуд; ва Лут дар шаҳрҳои водӣ
сокин шуд, ва хаймаҳои худро то Садӯм барафрошт.
[13] Лекин мардуми Садӯм бағоят шарир ва пеши Худованд
гуноҳкор буданд+.

## Аҳд бо Абром; ваъдаи замин ва ваъда кардани насли

ҷисмонӣ.

14 Ва Худованд ба Абром, баъд аз он ки Лут аз ӯ ҷудо шуд, гуфт:
«Акнун чашм андохта, аз мақоме ки дар он истодаӣ, ба ҷониби
шимол, ва ҷануб, ва шарқ, ва ғарб назар кун.
15 Зеро тамоми заминеро, ки мебинӣ, ба ту ва ба насли ту то абад
медиҳам+.
16 Ва насли туро монанди ғубори замин мегардонам; агар касе
ғубори заминро шумурда тавонад, насли ту низ шумурда шавад+.
17 Бархез ва дар тӯлу арзи ин замин гардиш кун: зеро ки онро ба ту
медиҳам».
18 Ва Абром хаймаи худро кӯчонда, равона шуд ва дар булутзори
Мамре, ки дар Ҳебрӯн аст, маскан гирифт; ва дар он ҷо қурбонгоҳе
барои Худованд бино кард.

## Абром Лутро озод мекунад.

**14** [1] Ва воқеъ шуд дар айёми Амрофал подшоҳи Шинъор, Арйӯк
подшоҳи Алосор, Кадорлоӯмар подшоҳи Элом ва Тидъол
подшоҳи Ҷӯим,
[2] Ки онҳо бо Бараъ подшоҳи Садӯм, Биршаъ подшоҳи Амӯро,
Шиноб подшоҳи Адмо, Шамэбар подшоҳи Сабӯим ва подшоҳи Балаъ,
ки ҳамон Сӯар бошад, ҷанг карданд.
[3] Ҳамаи онҳо дар водии Сиддим, ки ҳамон баҳри Намак бошад, бо
ҳам пайвастанд+.
[4] Дувоздаҳ сол онҳо дар хизмати Кадорлоӯмар буданд ва дар соли
сездаҳум исьён карданд.
[5] Ва дар соли чордаҳум Кадорлоӯмар ва подшоҳоне ки бо ӯ буданд,
омада, рафоиёнро дар Аштарут-Қарнайн, зузиёнро дар Ҳом ва
эмиёнро дар Шове-Қирьётаим шикаст доданд,+
[6] Ва ҳӯриёнро дар кӯҳи онҳо Сеир то Ил-Форон, ки дар шафати
биёбон аст.
[7] Ва баргашта, ба чашмаи Мишфот, ки ҳамон Қодеш бошад,
омаданд ва тамоми дашти Амолеқро, ва амӯриёнро низ, ки дар
Ҳассун-Томор сокин буданд, шикаст доданд+.
[8] Он гоҳ подшоҳи Садӯм, подшоҳи Амӯро, подшоҳи Адмо, подшоҳи
Сабӯим ва подшоҳи Балаъ, ки ҳамон Сӯар бошад, берун омаданд; ва
онҳо дар водии Сиддим ба ҷанг даромаданд,+
[9] Бо Кадорлоӯмар подшоҳи Элом, Тидъол подшоҳи Ҷӯим,
Амрофал подшоҳи Шинъор ва Арйӯк подшоҳи Алосор; чор подшоҳ бо
панҷ.
[10] Ва водии Сиддим пур аз чоҳҳои қир буд; ва подшоҳони Садӯм ва
Амӯро рӯй ба гурез оварда, ба он ҷо афтоданд; ва боқимондагон ба
кӯҳистон гурехтанд.
[11] Ва ҳамаи дорони Садӯм ва Амӯроро бо тамоми озуқаи онҳо
гирифта рафтанд.
[12] Ва бародарзодаи Абром, Лутро, ки дар Садӯм сокин буд, бо
доройяш гирифта рафтанд.
[13] Ва гурезае омада, ба Аброми ибрӣ хабар дод, ва ӯ дар булутзори
Мамреи амӯрӣ, ки бародари Ашкӯл ва бародари Онер буд, истиқомат
дошт, ва онҳо иттифоқчиёни Абром буданд.

14 Чун Абром шунид, ки хешаш ба асирӣ афтодааст, сесаду ҳаждаҳ
нафар ғуломони хоназоди дастпарварди худро бо худ бурда, то Дон
таъқиб намуд+.
15 Ва шабонгоҳ тақсим шуда, ба онҳо тохт, ӯ ва ғуломонаш; ва
онҳоро шикаст дод ва то ба Ҳӯбо, ки аз Димишқ ба тарафи шимол аст,
таъқиб намуд.
16 Ва тамоми дороиро баргардонид, ва хеши худ Лут ва дороии
ӯро, ва занон ва қавмро низ.

## Худо Худро ба Абром ҳамчун Худованд ва Молики осмон ва замин зоҳир менамояд.

17 Вақте ки ӯ, баъд аз шикаст додани Кадорлоӯмар ва подшоҳоне
ки бо вай буданд, баргашта меомад, подшоҳи Садӯм назди водии
Шове, ки ҳамон водии подшоҳ бошад, ба пешвози ӯ баромад+.
18 Ва Малкисодақ подшоҳи Салим, нон ва май баровард, ва ӯ
коҳини Худои Таоло буд+.
19 Ва ӯро баракат дода, гуфт:
«Муборак аст Абром аз ҷониби Худои Таоло,
Молики осмон ва замин;
20 Ва муборак аст Худои Таоло,
ки душманонатро ба дастат таслим кард».
Ва Абром ба вай аз ҳар чиз даҳьяк дод+.
21 Ва подшоҳи Садӯм ба Абром гуфт: «Ашхосро ба ман бидеҳ, ва
дороиро барои худ бигир».
22 Ва Абром ба подшоҳи Садӯм гуфт: «Дасти худро ба Худованд
Худои Таоло, Молики осмон ва замин бардошта, қасам мехӯрам,
23 Ки аз тамоми дороии ту риштае ё даволи кафше нагирам, то
нагӯӣ: „Ман Абромро бой гардондам“, —
24 Магар фақат он чи чавонон хӯрданд, ва ҳиссаи одамоне ки
ҳамроҳи ман рафтанд: бигзор Онер, Ашкӯл ва Мамре ҳиссаи худро
бигиранд».

## Иҷрои аҳд: ваъда кардани насли рӯҳонӣ.

15 [1] Баъд аз ин ҳодисаҳо каломи Худованд дар рӯъё ба Абром
расида, гуфт:
«Натарс, эй Абром;
Ман сипари ту ҳастам;
музди ту бағоят бузург аст»+.
[2] Ва Абром гуфт: «Худоё Худовандо! Ба ман чӣ медиҳӣ? Ва ман
бефарзанд меравам; ва Алиазари димишқӣ хонаи маро идора
мекунад».
[3] Ва Абром гуфт: «Инак, ба ман насл надодӣ, ва инак, хоназодам
ворисӣ ман аст».
[4] Ва дарҳол каломи Худованд ба ӯ даррасида, гуфт: «Ин вориси ту
нахоҳад буд, балки он ки аз камари ту барояд, вориси ту хоҳад буд».
[5] Ва ӯро берун оварда, гуфт: «Ба осмон назар кун, ва ситорагонро
бишумур, агар онҳоро шумурда тавонӣ». Ва ба ӯ гуфт: «Насли ту
ҳамин қадар хоҳад шуд»+.
[6] Ва ба Худованд имон овард, ва ин барои ӯ адолат ҳисоб карда
шуд+.
[7] Ва ба ӯ гуфт: «Манам Худованд, ки туро аз Ури калдониён берун
овардам, то ки ин заминро ба ирсият ба ту бидиҳам».
[8] Ва гуфт: «Худоё Худовандо! Аз чӣ бидонам, ки вориси он хоҳам
буд?»+
[9] Ва ба ӯ гуфт: «Ғуноҷини сесола, модабузи сесола, қӯчқори сесола,
қумрӣ ва кабӯтарбачае барои Ман бигир».
[10] Ӯ ин ҳамаро гирифт, ва онҳоро дупора кард, ва ҳар пораро рӯ ба
рӯи ҷуфташ гузошт; фақат мурғонро пора накард+.
[11] Ва лошахӯрон бар лошаҳо фурӯд омаданд; лекин Абром онҳоро
ронд.
[12] Ва ҳангоми ғуруби офтоб Абромро хоби гарон зер кард; ва инак,
даҳшат ва зулмоти азиме ӯро фаро гирифт+.
[13] Ва ба Абром гуфт: «Яқин бидон, ки насли ту дар замине ки аз
они онҳо набошад, ғариб хоҳанд буд, ва онҳоро банда хоҳанд кард, ва
бар онҳо чорсад сол зулм хоҳанд кард+.
[14] Ва бар халқе ки онҳо бандагонаш хоҳанд буд, Ман доварӣ хоҳам
кард; ва баъд аз он бо дороии зиёд берун хоҳанд омад+.

15 Ва ту назди падарони худ ба саломатӣ хоҳӣ рафт ва дар пирии
некӯ мадфун хоҳӣ шуд.
16 Ва дар насли чорум ба ин ҷо хоҳанд баргашт, зеро ки гуноҳи
амӯриён ҳанӯз пур нашудааст»+.
17 Ва чун офтоб ғуруб карда, торикӣ фаро расид, танӯри пурдуд ва
оташи алангадор аз миёни он пораҳо гузар кард.
18 Дар он рӯз Худованд бо Абром аҳд баста, гуфт:
«Ин заминро аз наҳри Миср то наҳри бузург,
яъне наҳри Фурот, ба насли ту медиҳам:+
19 Қениёнро, қеназзиёнро, қадмӯниёнро,
20 Ҳиттиёнро, фариззиёнро, рафоиёнро,
21 Амӯриёнро, канъониёнро, ҷирҷошиёнро ва ябусиёнро».

## Таваллуд ёфтани Исмоил.

16 [1] Ва Сорай, зани Абром, ба вай фарзанд наовард, ва ӯро Ҳоҷар
ном канизи мисрие буд.
[2] Ва Сорай ба Абром гуфт: «Инак, Худованд маро аз зоидан
боздошт; пас бо канизи ман бихоб: шояд, аз вай фарзанддор шавам».
Ва Абром ба сухани Сорай даромад.
[3] Ва чун даҳ сол аз иқомати Абром дар замини Канъон гузашт,
Сорай, зани Абром, канизи худ Ҳоҷари мисриро гирифт, ва ба
шавҳари худ Абром ӯро ба занӣ дод.
[4] Ва бо Ҳоҷар хобид; вай ҳомила шуд. Ва чун дид, ки ҳомила аст,
хотунашро хор дошт.
[5] Ва Сорай ба Абром гуфт: «Дар озори ман айбдор ту ҳастӣ; ман
канизи худро ба оғӯши ту додам; ва чун дид, ки ҳомила аст, маро хор
дошт; Худованд дар миёни ману ту доварӣ кунад»+.
[6] Ва Абром ба Сорай гуфт: «Инак, канизи ту ба дасти туст; он чи
писанди назари ту бошад, бо вай бикун». Ва Сорай варо ба танг овард;
вай аз пеши ӯ гурехта рафт.
[7] Ва фариштаи Худованд варо назди чашмаи об дар биёбон, яъне
чашмае ки ба роҳи Шур мебошад, ёфт+.
[8] Ва гуфт: «Эй Ҳоҷар, канизи Сорай! Аз куҷо омадӣ, ва куҷо
меравӣ?» Вай гуфт: «Ман аз пеши хотуни худ Сорай гурехтам».
[9] Ва фариштаи Худованд ба вай гуфт: «Назди хотуни худ баргард
ва зери дасти вай мутеъ шав».
[10] Ва фариштаи Худованд ба вай гуфт: «Насли туро бисьёр афзун
гардонам, ки аз бисьёрӣ онро натавон шумурд».
[11] Ва фариштаи Худованд ба вай гуфт:
«Инак, ҳомила ҳастӣ,
ва писаре хоҳӣ зоид,
ва ӯро Исмоил ном хоҳӣ монд;
зеро ки Худованд азияти туро шунидааст.
[12] Ва ӯ марди ваҳшӣ хоҳад буд;
дасти ӯ бар ҳама,
ва дасти ҳама бар ӯ;
пеши ҳамаи бародарони худ маскан хоҳад гирифт».

[13] Ва исми Худовандро, ки ба ӯ гап зад, Ато-Эл-рӯӣ* хонд, зеро
гуфт: «Гӯё ки ман ин ҷо баъд аз бинандаи ман бидидам».
[14] Аз ин сабаб он чоҳ Беэр-лаҳай-рӯӣ* ном дорад, ки дар миёни
Қодеш ва Борад воқеъ аст.
[15] Ва Ҳоҷар ба Абром писар зоид; ва Абром писари худро, ки Ҳоҷар
зоид, Исмоил ном ниҳод.
[16] Ва Абром ҳаштоду шашсола буд, ҳангоме ки Ҳоҷар Исмоилро ба
Абром зоид.

## Худо — Худованди Қодир (Эл-Шаддай).

**17** [1] Вақте ки Абром наваду нӯҳсола буд, Худованд бар Абром зоҳир гардида, гуфт:
«Ман Худои Қодирам;
пеши Ман роҳ рав ва покдоман бош;
[2] Ва аҳди Худро дар миёни Худам ва ту барқарор мекунам,
ва туро хеле ва хеле афзун мегардонам».
[3] Ва Абром бар рӯи худ афтод, ва Худо суханашро ба ӯ давом дода, гуфт:

## Ба Абром номи Иброҳим дода шуд.

[4] «Ман — инак аҳди Ман бо ту:
ту падари халқҳои бисьёр хоҳӣ буд.
[5] Ва номи ту минбаъд Абром хонда нашавад;
балки номи ту Иброҳим хоҳад буд;
зеро ки туро падари халқҳои бисьёр мегардонам+.

## Аҳд бо Иброҳим тасдиқ карда ва абадӣ гардонида шуд.

[6] Ва туро хеле ва хеле борвар месозам, ва аз ту халқҳо ба вуҷуд меоварам, ва подшоҳон аз ту ба вуҷуд меоянд.
[7] Ва аҳди Худро дар миёни Худам ва ту, ва насли ту баъд аз ту, барқарор мекунам, ки дар ҳамаи наслҳои онҳо аҳди ҷовидонӣ бошад, то ки туро, ва баъд аз ту насли туро Худо бошам.
[8] Ва замини мусофирати туро, тамоми замини Канъонро ба ту, ва баъд аз ту ба насли ту ба тасарруфи абадӣ медиҳам; ва Худои онҳо хоҳам буд».

## Хатна — аломати аҳди Худо бо Иброҳим.

[9] Ва Худо ба Иброҳим гуфт: «Вале ту аҳди Маро риоя кун, ту, ва баъд аз ту насли ту, дар ҳамаи наслҳои онҳо.
[10] Ин аст аҳди Ман, ки риоя хоҳед кард дар миёни Ман ва шумо, ва насли ту баъд аз ту: ҳар наринаи шумо хатна карда шавад.
[11] Ва ғилофаки худро хатна кунед, то аломати аҳде бошад, ки дар миёни Ман ва шумост.
[12] Ва дар ҳаштрӯзагӣ ҳар наринаи шумо дар ҳамаи наслҳои шумо хатна карда шавад, хоҳ хоназод бошад, хоҳ зархарид аз ҳар аҷнабие

ки аз насли ту нест+.
13 Ҳар хоназоди ту ва ҳар зархариди ту ҳатман хатна карда шавад,
то ки аҳди Ман дар ҷисми шумо аҳди ҷовидонӣ бошад.
14 Вале наринаи номахтун, ки ғилофаки худро хатна накарда
бошад, он кас аз байни халқи худ маҳв гардад; вай аҳди Маро поймол
кардааст».

## Ваъда дар бораи Исҳоқ. Сорай Соро номида шуд.

15 Ва Худо ба Иброҳим гуфт: «Зани худ Сорайро Сорай нахон;
балки номаш Соро бошад.
16 Ман варо баракат хоҳам дод, ва писаре низ аз вай ба ту хоҳам
бахшид; варо баракат хоҳам дод, ва халқҳо аз вай ба вуҷуд оянд, ва
подшоҳони халқҳо аз вай пайдо шаванд».
17 Ва Иброҳим бар рӯи худ афтода, хандид ва дар дили худ гуфт:
«Наход ки аз марди садсола бача шавад, ва Соро дар навадсолагӣ
бизояд?»
18 Ва Иброҳим ба Худо гуфт: «Кошки Исмоил пеши Ту зиндагӣ
кунад!»
19 Худо гуфт: «Валекин занат Соро ба ту писаре хоҳад зоид, ва ӯро
Исҳоқ ном хоҳӣ ниҳод; ва аҳди Худро бо ӯ барқарор хоҳам кард, то ки
бо насли ӯ баъд аз ӯ аҳди ҷовидонӣ бошад.

## Исмоил — падари халқи сершумор.

20 Дар ҳаққи Исмоил ҳам туро шунидам: инак, ӯро баракат
медиҳам, борвар мегардонам, хеле ва хеле афзун месозам; дувоздаҳ
амирон аз ӯ пайдо шаванд; ва аз ӯ халқи бузурге ба вуҷуд меоварам.
21 Вале аҳди Худро бо Исҳоқ барқарор хоҳам кард, ки Соро ӯро
соли дигар дар ҳамин вақт ба ту хоҳад зоид».
22 Ва Худо сухан гуфтанро бо ӯ бас карда, аз пеши Иброҳим сууд
намуд.
23 Ва Иброҳим писари худ Исмоил ва ҳамаи хоназодон ва
зархаридони худро, яъне ҳар наринаи аҳли байти Иброҳимро
гирифта, ғилофаки онҳоро дар ҳамон рӯз хатна кард, чунон ки Худо
ба ӯ гуфта буд.
24 Ва Иброҳим наваду нӯҳсола буд, вақте ки ғилофаки ӯ хатна шуд.

25 Ва писараш Исмоил сездаҳсола буд, вақте ки ғилофакаш хатна
шуд.
26 Дар ҳамон рӯз Иброҳим ва писараш Исмоил хатна шуданд.
27 Ва ҳамаи наринаҳои аҳли байти ӯ, хоҳ хоназодон, хоҳ
зархаридони аҷнабӣ, бо ӯ хатна шуданд.

## Иброҳим — дӯсти Худо.

**18** [1] Ва Худованд дар булутзори Мамре бар ӯ зоҳир гардид, вақте
ки ӯ дар гармои рӯз ба дари хайма нишаста буд.
[2] Ва чашм андохта, дид, ки инак, се мард дар рӯ ба рӯяш
истодаанд. Чун онҳоро дид, аз дари хайма ба пешвози онҳо шитофт,
ва то замин саҷда кард.
[3] Ва гуфт: «Эй оғои ман! Агар дар назари Ту илтифот ёфта бошам,
аз пеши бандаи Худ нагузар.
[4] Андак об биёваранд, то ки пойҳои худро шуста, зери дарахт
фароғат кунед.
[5] Ва луқмаи ноне биёварам, то ки дилҳои худро кувват диҳед; ва
пас аз он равона шавед; зеро ки барои ҳамин шумо пеши бандаи худ
гузар кардаед». Гуфтанд: «Он чи гуфтӣ, бикун»+.
[6] Ва Иброҳим ба хайма назди Соро шитофт ва гуфт: «Ба зудӣ се
қафиз аз орди маҳин гирифта, хамир кун ва кулча паз».
[7] Ва Иброҳим сӯи рама давид, ва гӯсолаи навдаму хуберо гирифта,
ба ҷавоне дод, то ки зуд онро тайёр кунад.
[8] Пас маска ва шир ва гӯсолаи тайёршударо гирифта, пеши онҳо
гузошт; ва худаш дар паҳлуи онҳо зери дарахт истод, то хӯрданд.
[9] Ва ба ӯ гуфтанд: «Зани ту, Соро куҷост?» Гуфт: «Инак, дар хайма
аст».
[10] Ва гуфт: «Соли оянда дар ҳамин вақт ҳатман назди ту хоҳам
баргашт, ва занат Сороро писаре хоҳад шуд». Ва Соро ба дари хайма,
ки дар ақиби ӯ буд, шунид+.
[11] Ва Иброҳим ва Соро пир ва солхӯрда буданд; ва одати занон аз
Соро қатъ шуда буд.
[12] Ва Соро дарунакӣ хандида, гуфт: «Оё баъд аз фарсудагиам маро
ҳузуру ҳаловате хоҳад буд? Ва оғоям низ пир шудааст»+.
[13] Ва Худованд ба Иброҳим гуфт: «Барои чӣ Соро хандида, гуфт:
„Нахоҳ ки ҳақиқатан зоида тавонам, дар сурате ки ман пир шудаам?“
[14] Магар барои Худованд чизи мушкиле ҳаст? Дар сари ваъда, соли
оянда дар ҳамин вақт назди ту хоҳам баргашт, ва Сороро писаре
хоҳад шуд»+.
[15] Аммо Соро мункир шуда, гуфт: «Нахандидаам». Чунки тарсид.
Вале Ӯ гуфт: «Не, хандидӣ».

16 Ва он мардон аз он ҷо бархоста, сӯи Садӯм назар дӯхтанд, ва
Иброҳим ҳамроҳашон равона шуд, то ки онҳоро гусел кунад.
17 Ва Худованд гуфт: «Оё он чи Ман карданиам, аз Иброҳим
пӯшида дорам+?
18 Ва аз Иброҳим ҳатман халқи бузург ва зӯроваре ба вуҷуд хоҳад
омад, ва ҳамаи халқҳои рӯи замин дар ӯ баракат хоҳанд хост+.
19 Зеро ӯро барои он шинохтаам, ки фарзандони худро, ва аҳли
байти худро баъд аз худ амр хоҳад фармуд, ки роҳи Худовандро риоя
карда, адлу инсофро ба амал оваранд, то ки Худованд он чи дар
ҳаққи Иброҳим гуфтааст, ба вай бирасонад».
20 Ва Худованд гуфт: «Фиғон аз дасти Садӯм ва Амӯро бисьёр
шудааст, ва гуноҳашон бағоят гарон шудааст+.
21 Фурӯд омадам, то бубинам, ки оё онҳо комилан мувофиқи
фиғоне ки ба Ман мерасад, рафтор кардаанд, ё не; хоҳам донист».
22 Ва мардон аз он ҷо сӯи Садӯм рӯй ниҳода рафтанд; вале
Иброҳим ҳанӯз пеши Худованд истода буд.

## Иброҳим шафоат менамояд.

23 Ва Иброҳим наздик омада, гуфт: «Наход ки одилро бо шарир
маҳв созӣ?
24 Шояд, дар ин шаҳр панҷоҳ одил бошанд? Наход ки онҳоро маҳв
созӣ, ва он маконро ба хотири панҷоҳ одиле ки дар он бошанд, амон
надиҳӣ?
25 Калло ва ҳошо ба Ту, ки коре мисли ин бикунӣ, ки одилро бо
шарир бикушӣ, ва одилу шарир баробар бошанд; калло ва ҳошо ба Ту!
Оё Довари тамоми замин аз рӯи адл амал нахоҳад кард?»+
26 Ва Худованд гуфт: «Агар дар шаҳри Садӯм панҷоҳ одил ёбам,
тамоми он маконро ба хотири онҳо амон медиҳам»+.
27 Ва Иброҳим ба ҷавоб гуфт: «Инак ман, ки хок ва хокистар
ҳастам, ҷуръат намудам ба Худованд сухане бигӯям:
28 Шояд, аз он панҷоҳ одил панҷ нафар кам бошад, наход ки
тамоми шаҳрро аз боиси панҷ нафар маҳв созӣ?» Гуфт: «Агар дар он
ҷо чилу панҷ нафар ёбам, маҳв накунам».
29 Ва боз илова намуда, ба Ӯ гуфт: «Шояд, дар он ҷо чил нафар ёфт
шаванд?» Гуфт: «Ба хотири чил нафар ҳам ин корро накунам».

30 Ва гуфт: «Худованд дарғазаб нашавад, ки ман сухане хоҳам гуфт:
шояд, дар он ҷо сӣ нафар ёфт шаванд?» Гуфт: «Агар дар он ҷо сӣ
нафар ёбам, ин корро накунам».
31 Ва гуфт: «Инак, ман ҷуръат намудам ба Худованд сухане
бигӯям: шояд, дар он ҷо бист нафар ёфт шаванд?» Гуфт: «Ба хотири
бист нафар маҳв накунам».
32 Ва гуфт: «Худованд дарғазаб нашавад, ки ман фақат як бори
дигар сухане хоҳам гуфт: шояд, дар он ҷо даҳ нафар ёфт шаванд?»
Гуфт: «Ба хотири даҳ нафар маҳв накунам».
33 Ва Худованд, чун гуфтугӯро бо Иброҳим тамом кард, бирафт; ва
Иброҳим ба макони худ баргашт.

## Ҳалокати Садӯм.

19 [1] Ва он ду фаришта бегоҳирӯзӣ ба Садӯм омаданд, ва Лут
назди дарвозаи Садӯм нишаста буд. Ва чун Лут онҳоро дид, ба
пешвози онҳо бархост, ва рӯй бар замин ниҳода, саҷда кард.
[2] Ва гуфт: «Эй оғоёни ман! Ба хонаи бандаи худ биёед, ва шабро
гузаронед, ва пойҳои худро бишӯед, ва бомдодон бархоста, роҳи
худро пеш гиред». Вале гуфтанд: «Не, шабро дар кӯча мегузаронем»+.
[3] Ва чун онҳоро бисьёр илтиҷо намуд, назди ӯ равона шуда, ба
хонааш даромаданд. Ва ӯ онҳоро зиёфат дод, ва фатир пухт; ва онҳо
тановул карданд.
[4] Ҳанӯз ба хоб нарафта буданд, ки сокинони шаҳр, мардони Садӯм,
аз ҷавон то пир, тамоми халқ аз ҳар ҷониб хонаро иҳота карданд.
[5] Ва Лутро ҷеғ зада, гуфтанд: «Куҷоянд он касоне ки имшаб назди
ту омаданд? Онҳоро назди мо берун овар, то ки бо онҳо бихобем»+.
[6] Ва Лут назди онҳо дар пеши остона берун омад, ва дарро аз
ақиби худ бибаст,
[7] Ва гуфт: «Эй бародаронам, зинҳор, бадӣ накунед.
[8] Инак, ман ду духтар дорам, ки бокира ҳастанд; беҳтар, ки онҳоро
назди шумо берун оварам, ва он чи дар назари шумо писанд ояд, бо
онҳо бикунед; фақат ба ин мардон ҳеҷ коре накунед, зеро ки онҳо
зери сояи сақфи ман омадаанд».
[9] Ва гуфтанд: «Дафъ шав!» Ва гуфтанд: «Ин яке барои иқомат омад,
ва мехоҳад довар бошад? Акнун ба ту, назар ба онҳо, бадтар муомила
мекунем». Ва бо шиддат ба ин мард, яъне ба Лут, ҳамла оварда,
наздик шуданд, то ки дарро бишкананд.
[10] Вале он мардон дастҳои худро дароз карда, Лутро назди худ ба
хона даровrouted, ва дарро бастанд.
[11] Ва мардумеро, ки назди дари хона буданд, аз хурд то калон, ба
кӯрӣ гирифтор карданд, ба тавре ки онҳо аз ёфтани дар оҷиз
монданд+.
[12] Ва он мардон ба Лут гуфтанд: «Оё каси дигаре дар ин ҷо дорӣ?
Домодон, ва писарон, ва духтарони худ, ва ҳар киро, ки дар шаҳр
дорӣ, аз ин макон берун овар.
[13] Зеро ки мо ин маконро маҳв хоҳем кард; чунки фиғон аз дасти
онҳо пеши Худованд бисьёр шудааст, ва Худованд моро фиристод, ки

онро маҳв созем».
14 Ва Лут берун рафта, бо домодонаш, ки духтарони ӯро гирифтанӣ
буданд, гап зад, ва гуфт: «Бархезед, аз ин макон равед; зеро ки
Худованд ин шаҳрро маҳв мекунад». Вале ба назари домодонаш
чунин намуд, ки ӯ ҳазлбозӣ мекунад.
15 Ва ҳангоми дамидани субҳ он фариштагон Лутро шитоб
кунонда, гуфтанд: «Бархез, зани худро бо ду духтаре ки пешат
ҳастанд, бигир, то ки аз боиси гуноҳи ин шаҳр нобуд нашавӣ».
16 Ва чун дер мекард, он мардон дасти ӯ, ва дасти занаш, ва дасти
ду духтарашро гирифтанд, — чунки Худованд бар ӯ шафқат кард, —
ва ӯро баровარда, дар беруни шаҳр гузоштанд.
17 Вақте ки онҳоро берун оварданд, гуфт: «Ҷони худро раҳо кун; ба
ақиб нигоҳ накун, дар ҳеҷ ҷои ин водӣ наист; ба кӯҳ гурехта рав, то
ки нобуд нашавӣ».
18 Вале Лут ба онҳо гуфт: «Не, Худоё!
19 Инак, бандаат дар назарат илтифот ёфтааст, ва эҳсони азиме ба
ман кардӣ, ки ҷонамро раҳоӣ додӣ; вале ман кудрати он надорам, ки
ба кӯҳ гурехта равам, мабодо балое ба сарам ояду бимирам.
20 Инак, он шаҳр барои гурехта рафтан наздик аст, ва ин чизи
андак аст; ба он ҷо гурехта равам — ин, охир, чизи андак аст, — ва
ҷонам зинда мемонад».
21 Ва ба ӯ гуфт: «Инак, дар ин бобат ҳам туро рӯихотир мекунам:
шаҳреро, ки гуфтӣ, вожгун намесозам.
22 Шитобон ба он ҷо гурехта рав; зеро ки то ба он ҷо нарасӣ, чизе
карда наметавонам». Аз ин сабаб он шаҳр Сӯар номида шудааст.
23 Офтоб бар замин тулӯъ кард, вақте ки Лут ба Сӯар расид.
24 Ва Худованд бар Садӯм ва Амӯро кибрит ва оташ аз ҷониби
Худованд аз осмон боронид+.
25 Ва он шаҳрҳоро, ва тамоми водиро, ва ҳамаи сокинони шаҳрҳо
ва набототи заминро вожгун сохт.
26 Вале зани Лут аз ақиби ӯ нигарист, ва сутуни намак гардид.
27 Ва бомдодон Иброҳим бархоста, сӯи маконе рафт, ки он ҷо пеши
Худованд истода буд.
28 Ва чун ба ҷониби Садӯм ва Амӯро ва тамоми замини водӣ назар
андохт, дид, ки инак, дуди он замин чун дуди хумдон боло меравад.

[29] Ва ҳангоме ки Худо шаҳрҳои водиро маҳв мекард, Худо
Иброҳимро ба хотир овард, ва Лутро аз миёни он харобӣ берун кард
дар ҳини вожгун сохтани шаҳрҳое ки Лут дар онҳо иқомат дошт.

## Гуноҳи духтарони Лут.

[30] Ва Лут аз Сӯар баромад, ва бо ду духтари худ дар кӯҳ маскан
гирифт: зеро ки аз сокин шудан дар Сӯар тарсид, ва бо ду духтараш
дар мағорае сукунат ихтиёр кард.
[31] Ва духтари калонӣ ба хурдӣ гуфт: «Падари мо пир шудааст, ва
марде бар рӯи замин нест, ки аз рӯи одати тамоми замин бо мо
бихобад.
[32] Биё, падари худро шароб нӯшонем, ва бо ӯ бихобем, то насле аз
падари худ нигоҳ дорем».
[33] Ва ҳамон шаб падари худро шароб нӯшонданд, ва духтари
калонӣ омада, бо падари худ хобид, ва ӯ аз хобидан ва хестани вай
огоҳ нашуд.
[34] Рӯзи дигар духтари калонӣ ба хурдӣ гуфт: «Инак, дишаб бо
падарам хобидам; имшаб низ ӯро шароб нӯшонем, ва ту даромада, бо
ӯ бихоб, то ки насле аз падари худ нигоҳ дорем».
[35] Он шаб низ падари худро шароб нӯшонданд, ва духтари хурдӣ
бо ӯ хобид, ва ӯ аз хобидан ва хестани вай огоҳ нашуд.
[36] Ва ҳар ду духтари Лут аз падари худ ҳомила шуданд.
[37] Ва духтари калонӣ писаре зоид, ва ӯро Мӯоб ном ниҳод; ва ӯ то
имрӯз падари мӯобиён аст.
[38] Ва духтари хурдӣ низ писаре зоид, ва ӯро Бин-Аммӣ ном ниҳод;
ӯ то имрӯз падари банӣ-Аммӯн аст.

## Иброҳим дар Ҷарор сустӣ зоҳир менамояд.

20 [1] Ва Иброҳим аз он ҷо сӯи замини ҷанубӣ кӯч кард, ва дар
миёни Қодеш ва Шур маскан гирифт, ва дар Ҷарор манзил кард.
[2] Ва Иброҳим дар ҳаққи зани худ Соро гуфт: «Ӯ хоҳари ман аст».
Ва Абималик подшоҳи Ҷарор одам фиристода, Сороро гирифт+.
[3] Ва Худо пеши Абималик дар хоби шаб омада, ба ӯ гуфт: «Инак, ту
мемирӣ аз боиси ин зан, ки гирифтаӣ; зеро ки вай зани шавҳардор
аст».
[4] Ва Абималик ҳанӯз ба вай наздикӣ накарда буд, ва гуфт: «Худоё!
Наход ки халқи одилро низ бикушӣ?
[5] Магар ӯ ба ман нагуфт: „Вай хоҳари ман аст“? Худи вай ҳам гуфт:
„Ӯ бародари ман аст“. Ба соддадилӣ ва покдастии худ ин корро
кардам».
[6] Ва Худо ба ӯ дар хоб гуфт: «Ман низ медонистам, ки ба
соддадилии худ ин корро кардӣ, ва Ман низ туро нигоҳ доштам, то
ки пеши Ман гуноҳкор нашавӣ; аз ин сабаб нагузоштам, ки ба вай
даст бирасонӣ.
[7] Ва акнун занро ба шавҳараш баргардон: зеро ки ӯ пайғамбар аст,
ва барои ту дуо хоҳад гуфт, ва ту зинда хоҳӣ монд; вале агар
барнагардонӣ, бидон, ки ту ва ҳар кӣ аз они туст, ҳатман хоҳед
мурд»+.
[8] Ва Абималик бомдодон бархоста, тамоми ғуломони худро хонд,
ва ҳамаи ин суханонро ба самъашон расонд; ва ин одамон хеле
ҳаросон шуданд.
[9] Ва Абималик Иброҳимро хонда, ба ӯ гуфт: «Чӣ кор аст, ки ба мо
кардӣ? Ба ту чӣ гуноҳ кардам, ки бар ман ва бар мамлакати ман
гуноҳи азиме овардӣ? Корҳои накарданӣ ба ман кардӣ».
[10] Ва Абималик ба Иброҳим гуфт: «Чиро дар назар доштӣ, ки ин
корро кардӣ?»
[11] Ва Иброҳим гуфт: «Гумон кардам, ки худотарсӣ дар ин макон
нест, ва аз боиси занам маро хоҳанд кушт.
[12] Ва дар ҳақиқат низ вай хоҳари ман аст: духтари падарам, аммо
на духтари модарам; ва зани ман шуд.
[13] Ва инак, ҳангоме ки Худо маро аз хонаи падарам ба роҳи
мусофират андохт, ба вай гуфтам: эҳсоне ки ба ман бояд бикунӣ, ин

аст, ки ҳар ҷо биравем, дар ҳаққи ман бигӯӣ: „Ӯ бародари ман аст“».
14 Ва Абималик гӯсфандон, ва говон, ва ғуломон, ва канизон гирифта, ба Иброҳим бахшид, ва занаш Сороро ба ӯ баргардонд.
15 Ва Абималик гуфт: «Инак, замини ман пеши туст; ҳар ҷо, ки писанди назарат афтад, сокин шав».
16 Ва ба Соро гуфт: «Инак, ҳазор сиккаи нуқра ба бародарат додам; инак, ин барои ту чашмбанд аст пеши ҳамаи касоне ки бо ту ҳастанд, ва пеши ҳама бегуноҳият исбот шуд».
17 Ва Иброҳим пеши Худо дуо гуфт, ва Худо Абималик, ва зани ӯ, ва канизони ӯро шифо бахшид, ва онҳо зоён шуданд+.
18 Зеро ки Худованд батни тамоми аҳли байти Абималикро аз боиси Соро, зани Иброҳим, сахт баста буд.

## Таваллуд ёфтани Исҳоқ.

**21** [1] Ва Худованд Сороро, чунон ки гуфта буд, тафаққуд намуд;
ва Худованд он чи ба Соро гуфта буд, ба амал овард.
[2] Ва Соро ҳомила шуда, ба Иброҳим дар пириаш писаре зоид, дар
мӯҳлате ки Худо ба ӯ гуфта буд.
[3] Ва Иброҳим писари мавлуди худро, ки Соро ба ӯ зоид, Исҳоқ ном
ниҳод+.
[4] Ва Иброҳим писари худ Исҳоқро дар ҳаштрӯзагиаш хатна кард,
чунон ки Худо ба ӯ фармуда буд+.
[5] Ва Иброҳим дар вақти таваллуди писараш Исҳоқ садсола буд.
[6] Ва Соро гуфт: «Худо барои ман ханда сохт, ва ҳар кӣ бишнавад, ба
ман ханда хоҳад кард».
[7] Ва гуфт: «Кист, ки ба Иброҳим мегуфт: „Соро кӯдаконро хоҳад
маконид“? Зеро ки писаре дар пириаш зоидаам».
[8] Ва он писар калон шуд, ва ӯро аз сина ҷудо карданд; ва дар рӯзе
ки Исҳоқро аз сина ҷудо карданд, Иброҳим зиёфати калоне дод.

## Ронда шудани Ҳоҷар ва писари вай.

9 Ва Соро дид, ки писари Ҳоҷари мисрӣ, ки ба Иброҳим зоида буд,
ханда мекунад+.
10 Ва ба Иброҳим гуфт: «Ин канизро бо писараш пеш кун; зеро ки
писари ин каниз бо писари ман Исҳоқ ворис нахоҳад буд»+.
11 Вале ин сухан дар назари Иброҳим дар ҳаққи писараш хеле бад
омад.
12 Ва Худо ба Иброҳим гуфт: «Ин амр дар ҳаққи писарат ва канизат
дар назари ту бад наояд; ҳар он чи Соро ба ту мегӯяд, ба суханаш гӯш
андоз; зеро ки насли ту аз Исҳоқ хонда хоҳад шуд+.
13 Ва аз писари каниз низ халқе ба вуҷуд меоварам, чунки ӯ насли
туст».
14 Ва бомдодон Иброҳим бархост, ва нон ва машки обе гирифт, ва
ба Ҳоҷар дода, бар китфи ӯ гузошт, ва ӯро бо писар равона кард; ва ӯ
бирафт, ва дар биёбони Беэр-Шобаъ роҳро гум кард.
15 Ва чун оби машк тамом шуд, писарро зери буттае гузошт.
16 Ва ба масофати тиррас дур рафта, дар рӯ ба рӯи вай нишаст, зеро
ки гуфт: «Мурдани писарро набинам». Ва дар рӯ ба рӯи вай нишаста,
овози худро баланд кард ва бигирист.
17 Ва Худо овози бачаро шунид; ва фариштаи Худо аз осмон
Ҳоҷарро нидо карда, ба вай гуфт: «Эй Ҳоҷар, туро чӣ шуд? Натарс;
зеро ки Худо овози бачаро аз он ҷое ки ҳаст, шунид.
18 Бархез ва писарро бардошта, дасташро бигир; зеро ки аз вай
халқи азиме ба вуҷуд хоҳам овард».
19 Ва Худо чашмони ӯро воз кард, ва ӯ чоҳи обе дид, ва пеш рафта,
машкро об пур кард, ва бачаро нӯшонид.
20 Ва Худо бо он бача буд; ва ӯ калон шуда, сокини биёбон гашт; ва
камонкаш шуд.
21 Ва дар биёбони Форон иқомат дошт; ва модараш зане аз замини
Миср барои ӯ гирифт+.
22 Ва воқеъ шуд дар он замон, ки Абималик бо Фикӯл, ки
сипаҳсолори ӯ буд, ба Иброҳим рӯ оварда, гуфт: «Дар ҳар коре ки
мекунӣ, Худо бо туст;
23 Ва акнун барои ман дар ин ҷо ба Худо қасам ёд кун, ки ба ман ва
ба набераву абераи ман осебе нахоҳӣ расонд, балки дар ҳаққи ман ва

дар ҳаққи замине ки дар он манзил кардаӣ, мувофиқи эҳсоне ки бо
ту кардам, рафтор хоҳӣ кард».
24 Ва Иброҳим гуфт: «Ман қасам ёд мекунам».
25 Ва Иброҳим Абималикро мазаммат намуд аз боиси чоҳи обе ки
ғуломони Абималик бо зӯрӣ гирифта буданд.
26 Вале Абималик гуфт: «Намедонам, кист, ки ин корро кардааст,
ту низ ба ман нагуфтаӣ; ман низ то имрӯз нашнидаам».
27 Ва Иброҳим гӯсфандон ва говон гирифта, ба Абималик дод, ва
ҳар ду иттифоқ бастанд.
28 Ва Иброҳим ҳафт барраи модаро аз рама ҷудо кард.
29 Ва Абималик ба Иброҳим гуфт: «Ин ҳафт барраи мода, ки дар ин
ҷо ҷудо кардӣ, барои чист?»
30 Гуфт: «Ин ҳафт барраи модаро аз дасти ман бигир, то барои ман
шаҳодате бошад, ки ин чоҳро ман кандаам».
31 Аз ин сабаб он маконро Беэр-Шобаъ номид; зеро ки дар он ҷо
ҳар дуяшон қасам ёд карданд+.
32 Ва дар Беэр-Шобаъ иттифоқ бастанд; ва Абималик бо
сипаҳсолори худ Фикӯл бархост, ва ба замини фалиштиён
баргаштанд.
33 Ва дар Беэр-Шобаъ ниҳолҳои газ шинонд, ва дар он ҷо исми
Худованд Худои ҷовидониро хонд.
34 Ва Иброҳим дар замини фалиштиён айёми зиёд чун мусофире
зиндагӣ кард.

## Ба қурбонӣ овардани Исҳоқ.

**22** [1] Ва воқеъ шуд баъд аз ин ҳодисот, ки Худо Иброҳимро
озмуда, ба ӯ гуфт: «Эй Иброҳим!» Гуфт: «Лаббай!»+
[2] Ва гуфт: «Писари худро, ки ягонаи туст, ва ӯро дӯст медорӣ, яъне
Исҳоқро бигир; ва ба замини Мӯриё бирав, ва дар он ҷо ӯро бар яке аз
кӯҳҳое ки ба ту хоҳам гуфт, барои қурбонии сӯхтанӣ барор»+.
[3] Ва Иброҳим бомдодон бархоста, хари худро зин кард, ва ду
нафар аз ғуломбачагонаш ва Исҳоқ писарашро ҳамроҳи худ гирифт;
ва ҳезум барои қурбонии сӯхтанӣ шикаст, ва бархоста, сӯи маконе ки
Худо ба ӯ гуфт, равона шуд.
[4] Дар рӯзи сеюм Иброҳим чашм андохта, он маконро аз дур дид.
[5] Ва Иброҳим ба ғуломбачагони худ гуфт: «Шумо дар ин ҷо бо хар
бимонед; ва ман бо писар ба он ҷо рафта, ибодат мекунем, ва назди
шумо бармегардем».
[6] Ва Иброҳим ҳезуми қурбонии сӯҳтаниро гирифта, бар писари
худ Исҳоқ бор кард; оташ ва кордро ба дасти худ гирифт, ва ҳар ду
якҷоя равона шуданд.
[7] Ва Исҳоқ ба падари худ Иброҳим сухан ронда, гуфт: «Эй
падарам!» Гуфт: «Лаббай, писарам!» Гуфт: «Инак оташ ва ҳезум, пас
барраи қурбонӣ куҷост?»
[8] Ва Иброҳим гуфт: «Эй писарам, Худо барраи қурбониро барои
Худ ҳозир хоҳад кард». Ва ҳар ду якҷоя рафтан гирифтанд.
[9] Ва ба маконе ки Худо ба ӯ гуфт, расиданд; ва Иброҳим дар он ҷо
қурбонгоҳе бино кард, ва ҳезумро чид, ва писари худ Исҳоқро баста,
бар қурбонгоҳ болои ҳезум гузошт.
[10] Ва Иброҳим дасти худро дароз карда, кордро гирифт, то ки
писари худро забҳ кунад.
[11] Вале фариштаи Худованд аз осмон ӯро хонда, гуфт: «Иброҳим!
Иброҳим!» Гуфт: «Лаббай!»
[12] Ва гуфт: «Дасти худро ба писар дароз накун ва ба ӯ чизе накун;
зеро акнун донистам, ки ту аз Худо метарсӣ ва писари худро, ки
ягонаи туст, аз Ман дареғ надоштӣ».
[13] Ва Иброҳим чашм андохта, дид: инак, дар қафо қӯчқоре бо
шохҳояш дар бешае андармон шудааст; ва Иброҳим рафта, қӯчқорро

гирифт, ва дар ивази писараш онро барои қурбонии сӯхтанӣ
баровард.
14 Ва Иброҳим номи он маконро Адӯной-йирэ* хонд; бинобар ин
то имрӯз гуфта мешавад: «Дар кӯҳи Худованд бояд ҳозир шавад».

## Тасдиқ шудани аҳди Худо бо Иброҳим.

15 Ва дуюмбора фариштаи Худованд Иброҳимро аз осмон хонд,
16 Ва гуфт: «Ба Зоти Худ қасам ёд мекунам, мегӯяд Худованд,
азбаски ту ин корро кардӣ ва писари худро, ки ягонаи туст, дареғ
надоштӣ, —
17 Туро бисьёр баракат хоҳам дод ва насли туро бағоят афзун
хоҳам кард, мисли ситорагони осмон ва мисли реге ки дар соҳили
баҳр аст; ва насли ту шаҳрҳои душманони худро мусаххар хоҳад
кард;+
18 Ва ҳамаи халқҳои рӯи замин дар насли ту баракат хоҳанд хост,
барои он ки ту ба овози ман гӯш додӣ»+.
19 Ва Иброҳим назди ғуломбачагони худ баргашт, ва онҳо
бархоста, якҷоя ба Беэр-Шобаъ равона шуданд; ва Иброҳим дар Беэр-
Шобаъ иқомат кард.
20 Ва воқеъ шуд баъд аз ин ҳодисот, ки ба Иброҳим хабар дода,
гуфтанд: «Инак, Милко низ ба бародарат Ноҳӯр писарҳо зоид, ки
инҳоянд:
21 Нахустзодаи ӯ Ус, бародараш Буз, Қамуил падари Арам,
22 Касад, Ҳазӯ, Филдош, Идлоф ва Батуил».
23 Ва Батуил Ривқоро ба дуньё овард. Ҳамин ҳаштро Милко ба
Ноҳӯр бародари Иброҳим зоид+.
24 Ва суррияи ӯ, ки Реумо ном дошт, вай низ Табаҳ, Ҷаҳам, Таҳаш
ва Маъкоро зоид.

## Вафоти Соро ва дафни вай.

# 23

1 Ва айёми зиндагонии Соро саду бисту ҳафт сол буд: ин аст
солҳои умри Соро.
2 Ва Соро дар Қирьяи Арбаъ, ки ҳамон Ҳебрӯн бошад, дар замини
Канъон мурд, ва Иброҳим омад, то ки барои Соро навҳа ва гирья
кунад+.
3 Ва Иброҳим аз пеши мурдаи худ бархост, ва ба фарзандони Ҳит
сухан ронда, гуфт:
4 «Ман пеши шумо ғарибу мусофир ҳастам: мақбарае дар байни
худ ба моликияти ман бидиҳед, то ки мурдаи худро аз пешам дафн
кунам».
5 Ва фарзандони Ҳит ба Иброҳим ҷавоб дода, гуфтанд:
6 «Эй оғои мо, сухани моро бишнав: ту дар миёни мо амири Худо
ҳастӣ; дар беҳтарин мақбараи мо мурдаи худро дафн кун; ҳеҷ кадоме
аз мо мақбараи худро аз ту барои дафни мурдаат дареғ нахоҳад
дошт».
7 Ва Иброҳим бархоста, ба мардуми он замин, яъне ба фарзандони
Ҳит таъзим намуд,
8 Ва ба онҳо сухан ронда, гуфт: «Агар шумо розӣ бошед, ки мурдаи
худро аз пешам дафн кунам, сухани маро бишнавед ва аз Афрӯн ибни
Сӯҳар барои ман илтимос кунед,
9 То мағораи Макфелоро, ки аз они ӯст ва дар канори саҳрои ӯ
воқеъ аст, ба ман бидиҳад, ба қимати пурра барои мақбара дар
миёни шумо ба моликияти ман бидиҳад».
10 Ва Афрӯн дар миёни фарзандони Ҳит нишаста буд; ва Афрӯни
ҳиттӣ дар самъи фарзандони Ҳит, дар пеши ҳамае ки ба дарвозаи
шаҳри ӯ медаромаданд, ба Иброҳим ҷавоб дода, гуфт:
11 «Не, оғои ман, сухани маро бишнав: ин саҳроро ба ту медиҳам
ва мағорaро, ки дар он воқеъ аст, ба ту медиҳам, дар пеши назари
фарзандони қавми худ онро ба ту медиҳам, мурдаи худро дафн кун».
12 Ва Иброҳим пеши мардуми он замин таъзим намуд,
13 Ва дар самъи мардуми он замин ба Афрӯн сухан ронда, гуфт:
«Агар ту ба гапам гӯш андозӣ, ман ба ту барои саҳро нуқра медиҳам:
онро аз ман бигир, то ки мурдаи худро дар он ҷо дафн кунам».
14 Ва Афрӯн ба Иброҳим ҷавоб дода, гуфт:

[15] «Эй оғои ман! Сухани маро бишнав: қимати замин чорсад сиқл*
нуқра аст; ин дар миёни ману ту чист? Мурдаи худро дафн кун».
[16] Ва Иброҳим сухани Афрӯнро шунида, он маблағро, ки дар самъи
фарзандони Ҳит гуфта буд, яъне чорсад сиқл нуқраи
роиҷулмуомиларо ба Афрӯн баркашида дод.
[17] Ва саҳрои Афрӯн, ки дар назди Макфело, дар рӯ ба рӯи Мамре
воқеъ аст, яъне саҳро ва мағораи он, бо ҳамаи дарахтоне ки дар он
саҳро ва дар тамоми ҳудуди гирду пеши он буд,
[18] Ба моликияти Иброҳим мубаддал шуд дар пеши назари
фарзандони Ҳит, яъне ҳамае ки ба дарвозаи шаҳри ӯ медаромаданд.
[19] Ва пас аз ин Иброҳим зани худ Сороро дар мағораи саҳрои
Макфело, дар рӯ ба рӯи Мамре, ки ҳамон Ҳебрӯн бошад, дар замини
Канъон дафн кард.
[20] Ва он саҳро бо мағорае ки дар он воқеъ аст, аз ҷониби
фарзандони Ҳит ба моликияти Иброҳим барои мақбара мубаддал
шуд.

## Ривқо, арӯси Исҳоқ.

**24** 1 Ва Иброҳим пир ва солхӯрда шуд, ва Худованд Иброҳимро
дар ҳар чиз баракат дод.
2 Ва Иброҳим ба ғуломи худ, ки калони хонаи ӯ буда, тамоми
дороии ӯро идора мекард, гуфт: «Дасти худро зери рони ман бигузор,
3 Ва ба Худованд Худои осмон ва Худои замин туро қасам
медиҳам, ки зане барои писарам аз духтарони канъониён, ки дар
миёни онҳо иқомат дорам, нагирӣ;
4 Балки ба замини ман, ба зодгоҳи ман биравӣ, ва зане барои
писарам Исҳоқ бигирӣ».
5 Ва ғулом ба ӯ гуфт: «Шояд, он зан розӣ нашавад, ки бо ман ба ин
замин биёяд; оё писаратро ба замине ки аз он берун омадаӣ,
баргардонам?»
6 Ва Иброҳим ба ӯ гуфт: «Зинҳор, писари маро ба он ҷо
барнагардонӣ.
7 Худованд Худои осмон, ки маро аз хонаи падарам ва аз замини
зодгоҳам берун овард, ва ба ман сухан ронд, ва ба ман қасам ёд
карда, гуфт, ки: „Ин заминро ба насли ту хоҳам дод“ — Ӯ фариштаи
Худро пешопеши ту хоҳад фиристод, то ки зане барои писарам аз он
ҷо бигирӣ.
8 Вале агар он зан ба омадан бо ту розӣ нашавад, аз ин қасами ман
фориғ хоҳӣ буд; аммо, зинҳор, писарамро ба он ҷо барнагардонӣ».
9 Ва ғулом дасти худро зери рони оғои худ Иброҳим гузошт, ва дар
ин хусус ба ӯ қасам ёд кард.
10 Ва ғулом даҳ шутур аз шутурони оғои худ гирифта, бирафт. Ва
тамоми ганҷинаи оғояш дар дасти ӯ буд. Ва бархоста, сӯи Арам-
наҳрайн, ба шаҳри Ноҳӯр бирафт.
11 Ва шомгоҳ, вақте ки занон барои обкашӣ мебаромаданд,
шутуронро дар беруни шаҳр назди чоҳи об чӯконид.
12 Ва гуфт: «Эй Худованд, Худои оғоям Иброҳим! Имрӯз ба
муродам бирасон, ва ба оғоям Иброҳим эҳсон бикун.
13 Инак, ман ба сари чашмаи об истодаам, ва духтарони аҳли ин
шаҳр барои обкашӣ мебароянд;
14 Ва чунин бишавад, ки он духтаре ки ба вай гӯям: „Кӯзаи худро
хам кун, то бинӯшам“, ва ӯ гӯяд: „Бинӯш, ва шутуронатро низ

нӯшонам“, — ҳамон бошад, ки барои бандаи Худ Исҳоқ ихтиёр
кардаӣ; ва аз рӯи ин бидонам, ки ба оғоям эҳсон кардаӣ».
15 Ва ӯ ҳанӯз суханашро тамом накарда буд, ва инак Ривқо, ки аз
Батуил, писари Милко, зани Ноҳӯр, бародари Иброҳим, таваллуд
шуда буд, берун омад, ва кӯзае бар китф дошт.
16 Ва он духтар бисьёр хушрӯй ва бокира буд, ва марде бо ӯ
нахобида буд; ва сӯи чашма фуромад, ва кӯзаи худро пур карда, боло
баромад.
17 Ва ғулом ба пешвози вай шитофта, гуфт: «Як ҷуръа об аз кӯзаи
худ ба ман бинӯшон».
18 Гуфт: «Эй оғои ман, бинӯш!» Ва дарҳол кӯзаашро ба дасташ
фуроварда, ӯро нӯшонид.
19 Ва чун аз нӯшониданаш фориғ шуд, гуфт: «Барои шутуронат низ
об мекашам, то даме ки аз нӯшидан бозистанд».
20 Ва дарҳол кӯзаи худро дар обхӯр холӣ кард, ва боз сӯи чоҳ ба
обкашӣ бидавид, ва барои ҳамаи шутуронаш об кашид.
21 Ва он мард бо ҳайрат менигарист ва сукут мекард, то бидонад,
ки оё Худованд сафари ӯро муваффақият бахшидааст ё не.
22 Ва ҳангоме ки шутурон аз нӯшидан бозистоданд, он мард
ҳалқаи тиллои вазнаш ним сиқл, ва барои дастҳои вай ду дастпонаи
вазнаш даҳ сиқл тиллоро гирифт,
23 Ва гуфт: «Ту духтари кистӣ? Ба ман бигӯ; оё дар хонаи падарат
ҷое барои мо ҳаст, то ки шабро гузаронем?»
24 Ба ӯ гуфт: «Ман духтари Батуил, писари Милко, ҳастам, ки ӯро
ба Ноҳӯр зоидааст».
25 Ва боз ба ӯ гуфт: «Назди мо коҳу беда бисьёр аст, ва ҷой низ
барои шабгузаронӣ».
26 Ва он мард саҷда намуд ва Худовандро ибодат кард,
27 Ва гуфт: «Муборак аст Худованд, Худои оғоям Иброҳим, ки
эҳсони Худро, ва вафои Худро аз оғоям дареғ надошт! Ва чун дар роҳ
будам, Худованд маро сӯи хонаи бародари оғоям ҳидоят намуд».
28 Ва духтар давида рафта, ба аҳли байти модари худ воқеаро
хабар дод.
29 Ва Ривқоро бародаре буд, ки Лобон ном дошт. Ва Лобон назди он
мард, сӯи чашма давида баромад.

30 Ва ҳангоме ки он ҳалқаро, ва бар дастҳои хоҳараш он
дастпонаҳоро дид, ва суханони хоҳари худ Ривқоро шунид, ки
мегуфт: «Он мард ба ман чунин гуфт», — пеши мард омад, ва инак, ӯ
назди шутурон ба сари чашма истодааст.
31 Ва гуфт: «Биё, эй муборакн Худованд! Чаро дар берун истодаӣ?
Ман хонаро, ва манзиле барои шутурон муҳайё кардам».
32 Ва он мард ба хона даромад, ва Лобон шутуронро воз кард, ва
коҳу беда ба шутурон дод, ва об барои шустани пойҳояш ва пойҳои
касоне ки ҳамроҳаш буданд.
33 Ва хӯрок пеши ӯ ниҳоданд, вале гуфт: «То матлаби худро
нагӯям, чизе намехӯрам». Гуфтанд: «Бигӯ».
34 Ва гуфт: «Ман ғуломи Иброҳим ҳастам.
35 Ва Худованд оғои маро бисьёр баракат додааст, ва ӯ бузург
шудааст, ва гӯсфандону говон, нуқра ва тилло, ғуломону канизон,
шутурону харон ба ӯ додааст.
36 Ва зани оғоям Соро, баъд аз пир шуданаш, писаре ба оғоям зоид,
ва ҳар чӣ ӯ дорад, ба вай додааст.
37 Ва оғоям маро қасам дода, гуфт: „Зане барои писарам аз
духтарони канъониён, ки дар заминашон иқомат дорам, нагирӣ;
38 Балки ба хонаи падари ман ва назди хешу табори ман биравӣ, ва
зане барои писарам бигирӣ“.
39 Ва ба оғои худ гуфтам: „Шояд, он зан ҳамроҳи ман наояд“.
40 Ба ман гуфт: „Худованд, ки пешаш роҳ меравам, фариштаи
Худро бо ту хоҳад фиристод ва сафари туро муваффақият хоҳад
бахшид, то ки зане барои писарам аз хешу табори ман ва аз хонаи
падари ман бигирӣ.
41 Ҳамон вақт аз қасами ман фориғ хоҳӣ буд, ки назди хешу
табори ман рафта бошӣ; ва агар онҳо ба ту надиҳанд, аз қасами ман
фориғ хоҳӣ буд“.
42 Ва имрӯз ман ба сари чашма расидам, ва гуфтам: „Эй Худованд,
Худои оғоям Иброҳим! Агар сафари маро, ки ба он рафта истодаам,
бомуваффақият гардонӣ,
43 Инак, ман ба сари ин чашмаи об истодаам, ва чунин бишавад, ки
он духтаре ки барои обкашӣ бароящ, ва ба вай гӯям: «Маро аз кӯзаи
худ як ҷуръа об бинӯшон»,

44 Ва ба ман гӯяд: «Ҳам ту бинӯш, ва ҳам барои шутуронат об
мекашам», — вай ҳамон зане бошад, ки Худованд барои писари оғои
ман ихтиёр кардааст“.
45 Ман ҳанӯз гуфтани инро дар дили худ тамом накарда будам, ва
инак Ривқо бо кӯзае бар китфи худ берун омад ва сӯи чашма
фуромада, об кашид; ва ман ба вай гуфтам: „Як ҷуръа об ба ман
бинӯшон“.
46 Ва ӯ дарҳол кӯзаашро аз китфаш фуроварда, гуфт: „Бинӯш; ба
шутурони ту низ об медиҳам“. Ман ҳам нӯшидам, ба шутурон низ об
дод.
47 Ва аз вай пурсида, гуфтам: „Ту духтари кистӣ?“ Гуфт: „Духтари
Батуил, писари Ноҳӯр, ки Милко ба ӯ зоид“. Ва ҳалқаро дар бинии
вай ва дастпонаҳоро бар дастҳояш пӯшондам.
48 Ва саҷда намудам ва Худовандро ибодат кардам, ва Худованд,
Худои оғои худ Иброҳимро муборак хондам, ки маро ба роҳи рост
андохт, то ки духтари бародари оғои худро барои писараш бигирам.
49 Ва акнун ба ман бигӯед, ки оё шумо мехоҳед ба оғои ман эҳсон
ва вафо зоҳир намоед, ё не; ба ман бигӯед, то ки ман ба тарафи рост ё
чап раҳсипор шавам».
50 Ва Лобон ва Батуил дар ҷавоб гуфтанд: «Ин амр аз Худованд
содир шудааст; мо ба ту чизе бад ё нек гуфта наметавонем.
51 Инак Ривқо пеши туст; бигир ва бирав; бигзор вай зани писари
оғои ту шавад, чунон ки Худованд гуфтааст».
52 Ва чун ғуломи Иброҳим суханони онҳоро шунид, ба Худованд то
замин саҷда кард.
53 Ва ғулом асбоби нуқра, ва асбоби тилло, ва либосҳоро берун
оварда, ба Ривқо дод, ва ба бародар ва модари вай инъомҳои
гаронбаҳо дод.
54 Ва ӯ ва касоне ки ҳамроҳаш буданд, хӯрданд ва нӯшиданд, ва
шабро гузарониданд. Ва бомдодон, чун бархостанд, ӯ гуфт: «Маро сӯи
оғоям ҷавоб диҳед».
55 Вале бародар ва модари вай гуфтанд: «Духтар бо мо даҳ рӯзе
бимонад, ва баъд равона шавад».
56 Ба онҳо гуфт: «Маро нигоҳ надоред; Худованд сафари маро
муваффақият бахшид; маро ҷавоб диҳед, то ки назди оғои худ
бираавам».

57 Ва гуфтанд: «Духтарро ҷеғ зада, пурсем, ки ӯ чӣ мегӯяд».
58 Ва Ривқоро ҷеғ зада, ба вай гуфтанд: «Оё бо ин мард меравӣ?»
Гуфт: «Меравам».
59 Ва хоҳари худ Ривқоро, ва дояашро, ва ғуломи Иброҳимро, ва
одамони ӯро ҷавоб доданд.
60 Ва Ривқоро баракат дода, ба вай гуфтанд:
«Эй хоҳари мо! Аз ту ҳазорон-ҳазор таваллуд ёбанд,
ва насли ту шаҳрҳои
душманони худро мусаххар намояд!»
61 Ва Ривқо ва канизонаш бархоста, ба шутурон савор шуданд, ва аз
ақиби он мард равона шуданд; ва ғулом Ривқоро гирифта, бирафт.
62 Ва Исҳоқ аз Беэр-лаҳай-рӯӣ омад; зеро ки ӯ дар замини ҷануб
иқомат дошт.
63 Ва қариби шом Исҳоқ барои гаштугузор ба саҳро баромад; ва
чашм андохта, дид, ки шутурон меоянд.
64 Ва Ривқо чашм андохта, Исҳоқро дид, ва аз шутур фуромад.
65 Ва ба ғулом гуфт: «Ин мард кист, ки дар саҳро ба пешвози мо
меояд?» Ва ғулом гуфт: «Ин оғои ман аст». Вай бурқаъро гирифта,
рӯи худро пӯшонид.
66 Ва ғулом ҳамаи корҳоеро, ки карда буд, ба Исҳоқ нақл намуд.
67 Ва Исҳоқ вайро ба хаймаи модари худ Соро овард; ва Ривқоро
гирифт: вай зани ӯ шуд, ва ӯ ба вай дил баст; ва Исҳоқ пас аз азои
модари худ тасаллӣ ёфт.

## Никоҳи Иброҳим бо Қатуро.

25 [1] Ва Иброҳим боз зан гирифт, ки вай Қатуро ном дошт.
[2] Вай Зимрон, Ёқшон, Мадон, Мидьён, Ишбоқ ва Шуаҳро ба ӯ
зоид.
[3] Ва Ёқшон Шабо ва Дадонро ба дуньё овард. Ва писарони Дадон
Ашурим, Летушим ва Леумим буданд.
[4] Ва писарони Мидьён Эфо, Эфар, Ҳанӯх, Абидоъ ва Алдоо буданд.
Ҳамаи инҳо писарони Қатуро буданд+.
[5] Ва Иброҳим ҳар он чи дошт, ба Исҳоқ дод.
[6] Ва ба писарони сурриягоне ки Иброҳим дошт, Иброҳим тӯҳфаҳо
дод, ва онҳоро, дар ҳини зиндагии худ, аз пеши писари худ Исҳоқ ба
ҷониби шарқ, ба машриқзамин фиристод.

## Вафоти Иброҳим.

[7] Ва айёми солҳои умри Иброҳим, ки зиндагонӣ кард, саду
ҳафтоду панҷ сол буд.
[8] Ва Иброҳим вафот ёфт, ва дар мӯйсафедии некӯ, пиру солхӯрда
шуда, аз дуньё чашм пӯшид, ва ба қавми худ пайваст.
[9] Ва писаронаш Исҳоқ ва Исмоил ӯро дар мағораи Макфело, дар
саҳрои Афрӯн ибни Сӯҳари ҳиттӣ, ки дар рӯ ба рӯи Мамре воқеъ аст,
дафн карданд,
[10] Дар саҳрое ки Иброҳим аз фарзандони Ҳит харида буд. Дар он
ҷо Иброҳим ва занаш Соро мадфун шуданд+.
[11] Баъд аз вафоти Иброҳим Худо писари ӯ Исҳоқро баракат дод; ва
Исҳоқ назди Беэр-лаҳай-рӯӣ иқомат дошт.

## Насли Исмоил.

[12] Ва ин аст насаби Исмоил писари Иброҳим, ки Ҳоҷари мисрӣ,
канизи Соро, ба Иброҳим зоида буд.
[13] Ва ин аст номҳои писарони Исмоил, номҳои онҳо мувофиқи
насаби онҳо; нахустзодаи Исмоил Набойӯт, Қедор, Адбаил, Мибсом,
[14] Мишмоъ, Думо, Массо,
[15] Ҳадад, Темо, Ятур, Нофиш ва Қедмо+.
[16] Инҳоянд писарони Исмоил, ва ин аст номҳои онҳо, дар
қасабаҳои онҳо ва дар айлоқҳои онҳо; дувоздаҳ амири қабилаҳои

онҳо.
[17] Ва солҳои зиндагонии Исмоил саду сию ҳафт сол буд; ва ӯ вафот ёфт, ва аз дунъё чашм пӯшид, ва ба қавми худ пайваст.
[18] Ва онҳо аз Ҳавило то Шур, ки пеши Миср ба самти Ашшур воқеъ аст, иқомат доштанд; ҷудо аз ҳамаи бародарони худ маскан гирифта буданд+.

## Насли Исҳоқ.

[19] Ва ин аст насаби Исҳоқ писари Иброҳим; Иброҳим Исҳоқро ба дунъё овард.
[20] Ва Исҳоқ чилсола буд, ки Ривқо духтари Батуили арамӣ ва хоҳари Лобони арамиро аз Фаддони Арам барои худ ба занӣ гирифт.
[21] Ва Исҳоқ пеши Худованд дар ҳаққи зани худ зорию илтиҷо кард, чунки вай бенасл буд; ва Худованд илтиҷои ӯро қабул кард, ва занаш Равқо ҳомила шуд.
[22] Ва писарон дар батни вай ҷунбиш мекарданд, ва гуфт: «Агар чунин бошад, ин ба ман барои чист?» Ва рафт, то ки аз Худованд бипурсад.
[23] Ва Худованд ба вай гуфт:
«Ду қабила дар батни ту ҳастанд,
ва ду қавм аз шиками ту ҷудо шаванд;
ва қавме аз қавме зӯр барояд,
ва калонӣ ба хурдӣ хизмат кунад»+.

## Таваллуд ёфтани Эсов ва Яъқуб.

[24] Ва моҳу рӯзаш пур шуда, вақти зоиданаш расид, ва инак экизак дар шиками вай буд.
[25] Ва нахустин сурхранг берун омад, тамоми баданаш мисли пӯстин пашмнок буд, ва ӯро Эсов ном ниҳоданд.
[26] Ва баъд аз он бародараш берун омад, ва пошнаи Эсовро ба дасти худ гирифта буд; ва ӯро Яъқуб ном ниҳоданд. Ва дар вақти таваллуди онҳо Исҳоқ шастсола буд.

## Эсов нахустзодагии худро мефурӯшад.

[27] Ва бачаҳо калон шуданд, ва Эсов сайёди моҳир ва марди саҳроӣ шуд, вале Яъқуб — марди ҳалими хайманишин.

[28] Ва Исҳоқ Эсовро дӯст медошт, чунки сайди ӯ ба муддаои табъаш
буд; вале Ривқо Яъқубро дӯст медошт.
[29] Боре Яъқуб ош мепухт, ва Эсов лакот аз гуруснагӣ аз саҳро омад.
[30] Ва Эсов ба Яъқуб гуфт: «Аз ин оши сурх барои хӯрданам бидеҳ,
зеро ки аз гуруснагӣ лакот шудаам». Аз ин сабаб ӯро Адӯм*
номиданд.
[31] Ва Яъқуб гуфт: «Аввал нахустзодагии худро ба ман бифрӯш»+.
[32] Ва Эсов гуфт: «Инак, ман ба мурдан расидаам, ва аз ин
нахустзодагӣ ба ман чӣ фоида?»
[33] Ва Яъқуб гуфт: «Ҳозир ба ман қасам ёд кун». Ва ба ӯ қасам ёд
кард, ва нахустзодагии худро ба Яъқуб фурӯхт.
[34] Ва Яъқуб ба Эсов нон ва оши адас дод: ва ӯ хӯрд, ва нӯшид, ва
бархоста, бирафт; ба ҳамин тариқ Эсов нахустзодагии худро хор
дид+.

## Аҳде ки бо Иброҳим баста шудааст,
## ба Исҳоқ мегузарад.

**26** [1] Ва қаҳтие дар он замин рӯй дод, ба замми он қаҳтии аввал,
ки дар айёми Иброҳим рӯй дода буд; ва Исҳоқ назди Абималик
подшоҳи фалиштиён ба Ҷарор рафт+.
[2] Ва Худованд бар ӯ зоҳир гардида, гуфт: «Ба Миср нарав, балки
дар замине ки ба ту бигӯям, маскан гир.
[3] Дар ин замин мусофират кун; ва бо ту хоҳам буд, ва туро баракат
хоҳам дод; зеро ки ба ту ва ба насли ту ҳамаи ин заминҳоро хоҳам
дод, ва қасамеро, ки ба падарат Иброҳим ёд кардаам, бо ҷо хоҳам
овард+.
[4] Ва насли туро мисли ситорагони осмон афзун хоҳам кард; ва
ҳамаи ин заминҳоро ба насли ту хоҳам дод; ва дар насли ту ҳамаи
халқҳои рӯи замин баракат хоҳанд хост,+
[5] Ба хотири он ки Иброҳим ба овози Ман гӯш дод ва он чиро, ки ба
риоя карданаш амр фармуда будам: аҳкоми Маро, фароизи Маро ва
қонунҳои Маро риоя кард».

## Маъсияти Исҳоқ.

[6] Ва Исҳоқ дар Ҷарор маскан гирифт.
[7] Ва мардуми он макон аз ӯ дар бораи занаш пурсиданд, ва ӯ гуфт:
«Вай хоҳари ман аст», зеро тарсид бигӯяд: «Зани ман аст», мабодо,
гуфт ба дилаш, мардуми ин ҷо маро аз барои Ривқо бикушанд, чунки
вай хушрӯй аст+.
[8] Ва чун муддати дарозе ӯ дар он ҷо истиқомат кард, чунин воқеъ
шуд, ки Абималик, подшоҳи фалиштиён, аз тиреза назар афканда,
дид, ки инак Исҳоқ бо зани худ Ривқо ишқбозӣ мекунад.
[9] Ва Абималик Исҳоқро хонда, гуфт: «Ҳамоно, вай зани туст, пас
чаро гуфтӣ: „Хоҳари ман аст“?» Ва Исҳоқ ба ӯ гуфт: «Ба он сабаб
гуфтам, ки мабодо барои вай бимирам».
[10] Ва Абималик гуфт: «Ин чӣ кор аст, ки ба мо кардӣ? Қариб буд,
ки яке аз халқ бо занат ҳамхоб шавад, ва ту бар мо гуноҳе меовардӣ».
[11] Ва Абималик ба тамоми халқ амр фармуда, гуфт: «Касе ки ба ин
одам ва ба зани ӯ дасти тааддӣ дароз кунад, гирифтори марг хоҳад
шуд».

[12] Ва Исҳоқ дар он замин зироат кард, ва дар он сол садчандон
ҳосил бардошт: Худованд ӯро баракат дод.
[13] Ва ин мард бузург шуд, рафта-рафта бузург шудан гирифт, то ба
дараҷае ки бағоят бузург шуд.
[14] Ва ӯро рамаҳои гӯсфандон ва рамаҳои говон, ва ғуломону
канизони зиёде буд, ва фалиштиён ба ӯ ҳасад бурданд.
[15] Ва ҳамаи чоҳҳоеро, ки ғуломони падараш дар айёми падараш
Иброҳим канда буданд, фалиштиён бастанд ва аз хок пур карданд+.
[16] Ва Абималик ба Исҳоқ гуфт: «Аз назди мо бирав, зеро ки аз мо
хеле пурзӯртар шудаӣ».

## Исҳоқ чоҳ меканад.

[17] Ва Исҳоқ аз он ҷо бирафт, ва дар водии Ҷарор фурӯд омад, ва дар
он ҷо маскан гирифт.
[18] Ва чоҳҳои обро, ки дар айёми падараш Иброҳим канда буданд,
ва фалиштиён онҳоро баъд аз вафоти Иброҳим баста буданд, Исҳоқ
аз сари нав канд, ва ба онҳо ҳамон номҳоро дод, ки падараш ба онҳо
дода буд.
[19] Ва ғуломони Исҳоқ дар он водӣ ҳафра заданд, ва чоҳи оби
зиндае дар он ҷо ёфтанд.
[20] Ва чӯпонҳои Ҷарор бо чӯпонҳои Исҳоқ ҷанҷол карда, гуфтанд:
«Ин об аз они мост». Ва ӯ он чоҳро Эсак* номид, зеро ки бо ӯ баҳс
карданд.
[21] Ва чоҳи дигаре канданд; барои он низ ҷанҷол карданд; ва ӯ онро
Ситно* номид.
[22] Ва аз он ҷо кӯч карда, чоҳи дигаре канд, ва барои он ҷанҷол
накарданд; ва ӯ онро Раҳӯбӯт* номида, гуфт, ки акнун Худованд маро
вусъат дод, ва мо дар замин борвар хоҳем шуд.
[23] Ва аз он ҷо ба Беэр-Шобаъ омад.
[24] Ва дар ҳамон шаб Худованд бар ӯ зоҳир гардида, гуфт:
«Ман Худои падарат Иброҳим ҳастам;
натарс, зеро ки Ман бо ту ҳастам,
ва туро баракат медиҳам, ва насли туро,
ба хотири бандаи Худ Иброҳим, афзун хоҳам кард».

25 Ва қурбонгоҳе дар он ҷо бино кард, ва исми Худовандро хонд, ва
хаймаи худро дар он ҷо барафрошт, ва ғуломони Исҳоқ чоҳе дар он
ҷо канданд.
26 Ва Абималик ҳамроҳи Аҳузат, ки яке аз ёронаш буд, ва Фикӯл,
ки сипаҳсолораш буд, аз Ҷарор назди ӯ омад.
27 Ва Исҳоқ ба онҳо гуфт: «Чаро назди ман омадед, дар сурате ки бо
ман адоват карда ва маро аз назди худ ронда будед?»
28 Гуфтанд: «Кушоду равшан дидем, ки Худованд бо туст, бинобар
ин гуфтем: қасаме дар миёни мову ту бошад, ва аҳде бо ту бибандем,
29 То ки ба мо бадӣ накунӣ, чунон ки ба ту осебе нарасондем,
балки ба ту фақат некӣ кардем ва туро ба саломатӣ фиристодем, ва
акнун ту мубораки Худованд ҳастӣ»+.
30 Ва ӯ барои онҳо зиёфате барпо намуд, ва онҳо хӯрданд ва
нӯшиданд.
31 Ва бомдодон бархоста, ба якдигар қасам ёд карданд; ва Исҳоқ бо
онҳо видоъ намуд, ва онҳо аз пеши ӯ ба саломатӣ рафтанд.
32 Ва дар он рӯз чунон воқеъ шуд, ки ғуломони Исҳоқ омада, ӯро аз
он чоҳе ки мекананд, хабар дода, гуфтанд: «Об ёфтем».
33 Ва ӯ онро Шибъо номид. Аз ин сабаб он шаҳр то имрӯз Беэр-
Шобаъ ном дорад.
34 Ва чун Эсов чилсола буд, Яҳудит духтари Беэри ҳиттӣ ва Босмат
духтари Элӯни ҳиттиро ба занӣ гирифт+.
35 Ва онҳо сабаби ғаму ғуссаи Исҳоқ ва Ривқо буданд.

## Баракате ки ба воситаи фиреб ба даст оварда шудааст.

**27** 1 Ва чун Исҳоқ пир шуд, ва чашмонаш аз дидан оҷиз гашта
буд, писари калонии худ Эсовро ҷеғ зада, гуфт: «Писарам!» Вай
ба ӯ гуфт: «Лаббай!»
2 Ва ӯ гуфт: «Инак, пир шудаам; ва рӯзи аҷали худро намедонам;
3 Ва акнун асбоби худро, тирдон ва камони худро гирифта, ба
саҳро бирав, ва нахҷире барои ман бигир,+
4 Ва таоме барои ман, чунон ки дӯст медорам, тайёр карда биёр, то
ки бихӯрам, ва ҷони ман, пеш аз мурданам, туро баракат диҳад».
5 Вақте ки Исҳоқ ба писари худ Эсов гап мезад, Ривқо шунид. Ва
Эсов ба саҳро рафт, то ки нахҷире сайд карда биёрад;
6 Ва Ривқо ба писари худ Яъқуб гуфт: «Инак, падаратро шунидам,
ки бародарат Эсовро хонда, мегуфт:
7 „Барои ман нахҷире оварда, таоме тайёр кун, то ки онро
бихӯрам ва пеш аз мурданам туро пеши Худованд баракат диҳам“.
8 Ва акнун, писарам, сухани маро бишнав дар он чи ман туро амр
мефармоям:
9 Сӯи рама бирав ва аз он ҷо барои ман ду бузғолаи хубе бигир; ва
ман аз онҳо таоме барои падарат, чунон ки ӯ дӯст медорад, тайёр
мекунам;
10 Ва онро назди падарат мебарӣ, ва ӯ мехӯрад, то ки туро пеш аз
мурданаш баракат диҳад».
11 Ва Яъқуб ба модари худ Ривқо гуфт: «Бародарам Эсов марди
мӯйдор аст, лекин ман марди бемӯй ҳастам.
12 Шояд, падарам маро ламс намояд; ва ман дар назараш мисли
ҳилагаре бошам, ва дар ивази баракат лаънат бар худ оварам».
13 Ва модараш ба ӯ гуфт: «Лаънати ту бар ман бод, писарам! Фақат
сухани маро бишнав, ва рафта, барои ман бигир».
14 Ва ӯ рафт, ва гирифт, ва ба модари худ овард; ва модараш таоме
тайёр кард, чунон ки падараш дӯст медошт.
15 Ва Ривқо либоси бошукӯҳи писари калонии худ Эсовро, ки
назди ӯ дар хона буд, гирифта, ба писари хурдии худ Яъқуб пӯшонид;
16 Ва пӯсти бузғолаҳоро бар дастҳо ва гардани бемӯи ӯ баст;
17 Ва таом ва нонро, ки тайёр карда буд, ба дасти писари худ Яъқуб
дод.

[18] Ва ӯ назди падари худ омада, гуфт: «Падарам!» Гуфт: «Лаббай! Ту
кистӣ, писарам?»
[19] Ва Яъқуб ба падари худ гуфт: «Ман нахустзодаи ту Эсов ҳастам;
он чи ба ман фармудӣ, кардам; бархез, бинишин ва аз нахҷири ман
бихӯр, то ки ҷонат маро баракат диҳад».
[20] Ва Исҳоқ гуфт: «Чӣ гуна ин қадар зуд ёфтӣ, писарам?» Гуфт:
«Чунки Худованд Худои ту ба ман расонд».
[21] Ва Исҳоқ ба Яъқуб гуфт: «Наздик биё, ман туро ламс мекунам,
писарам, оё ту писари ман Эсов ҳастӣ, ё не?»
[22] Ва Яъқуб ба падари худ Исҳоқ наздик омад; ва ӯро ламс карда,
гуфт: «Овоз — овози Яъқуб, аммо дастҳо — дастҳои Эсов».
[23] Ва ӯро нашнохт, зеро ки дастҳояш мисли дастҳои бародараш
Эсов мӯйдор буд; ва ӯро баракат дод.
[24] Ва гуфт: «Оё ту писари ман Эсов ҳастӣ?» Гуфт: «Манам».
[25] Ва гуфт: «Наздики ман биёр, ман аз нахҷири писари худ
мехӯрам, то ки ҷонам туро баракат диҳад». Ва наздики ӯ овард, ва ӯ
бихӯрд; ва шароб барояш овард, ва ӯ нӯшид.
[26] Ва падараш Исҳоқ ба вай гуфт: «Наздик биё ва маро бибӯс,
писарам».
[27] Ва наздик омад ва ӯро бӯсид; ва роиҳаи либоси ӯро шамида, ӯро
баракат дод ва гуфт:
«Инак, роиҳаи писари ман
мисли роиҳаи саҳроест, ки Худованд онро
баракат додааст.
[28] Ва туро Худо аз шабнами осмон
ва аз фарбеҳии замин
ва аз фаровонии ғалла ва шираи ангур ато фармояд+.
[29] Қавмҳо ба ту хизмат кунанд,
ва қабилаҳо ба ту таъзим намоянд;
бар бародарони худ ҳукмфармо шавӣ,
ва фарзандони модарат ба ту таъзим намоянд;
ҳар кӣ туро лаънат хонад — малъун бод;
ҳар кӣ туро муборак хонад — муборак бод!»

## Пушаймонии Эсов суде надорад.

30 Ва чун Исҳоқ баракат додани Яъқубро ба итмом расонд, ва чун
Яъқуб аз пеши падари худ Исҳоқ берун рафт, бародараш Эсов аз
шикори худ омад.
31 Ва ӯ низ таом тайёр кард, ва назди падари худ оварда, ба падари
худ гуфт: «Бархез, падарам, ва аз нахҷири писари худ бихӯр, то ки
ҷонат маро баракат диҳад».
32 Ва падараш Исҳоқ ба ӯ гуфт: «Ту кистӣ?» Гуфт: «Ман писари ту,
нахустзодаи ту, Эсов ҳастам».
33 Ва Исҳоқро раъшаи бузурге фаро гирифта, ба ларзиш овард, ва ӯ
гуфт: «Пас он кӣ буд, ки нахҷир сайд карда, бароям овард, ва пеш аз
омадани ту аз ҳамааш хӯрдам, ва ӯро баракат додам? Ва ӯ муборак
хоҳад буд!»
34 Чун Эсов суханони падари худро шунид, фиғони баланд ва
бениҳоят талхе кашида, ба падари худ гуфт: «Маро низ баракат деҳ,
падарам!»
35 Гуфт: «Бародарат бо ҳила омада, баракати туро гирифт».
36 Ва гуфт: «Беҳуда нест, ки ӯро Яъқуб ном ниҳодаанд: ду дафъа ӯ
маро фиреб дод — аввал нахустзодагии маро гирифт ва инак, акнун
баракати маро гирифтааст». Ва гуфт: «Оё барои ман баракате нигоҳ
надоштӣ?»+
37 Ва Исҳоқ ба Эсов ҷавоб дода, гуфт: «Инак, ӯро бар ту ҳукмфармо
сохтам, ва ҳамаи бародаронашро ғуломони ӯ гардондам, ва ғалла ва
шираи ангурро ба ӯ бахшидам; пас, барои ту, писарам, чӣ кунам?»
38 Ва Эсов ба падари худ гуфт: «Наход ки ҳамин як баракатро
доштӣ, падарам? Маро низ баракат деҳ, падарам!» Ва Эсов овози
худро баланд карда, гирист.
39 Ва падараш Исҳоқ ба ӯ ҷавоб дода, гуфт:
«Инак, истиқомати ту аз фарбеҳии замин
ва аз шабнами осмон аз боло хоҳад буд;
40 Ва ба шамшерат хоҳӣ зист,
ва ба бародари худ хизмат хоҳӣ кард;
ва чунин воқеъ хоҳад шуд,
ки мухолифат намоӣ ва юғи ӯро аз гардани худ дур андозӣ»+.

41 Ва Эсов ба Яъқуб ба сабаби он баракате ки падараш ӯро дода буд,
кина варзид; ва Эсов дар дили худ гуфт: «Айёми навҳагарӣ барои
падарам наздик аст, ва он гоҳ бародари худ Яъқубро хоҳам кушт».
42 Ва Ривқо аз суханони писари калонии худ Эсов огоҳӣ ёфт; ва кас
фиристода, писари хурдии худ Яъқубро хонд, ва ба ӯ гуфт: «Инак,
бародарат Эсов осоиши хотир аз он дорад, ки туро бикушад.
43 Ва акнун, писарам, сухани маро бишнав ва бархоста, назди
бародарам Лобон ба Ҳоррон бигрез;
44 Ва муддате назди ӯ бимон, то хашми бародарат таскин ёбад,
45 То ғазаби бародарат аз ту баргардад, ва он чи дар ҳаққи вай
кардӣ, фаромӯш кунад. Ва он гоҳ кас фиристода, туро аз он ҷо
меоварам. Чаро аз ҳар дуи шумо дар як рӯз маҳрум шавам?»
46 Ва Ривқо ба Исҳоқ гуфт: «Аз дасти духтарони ҳиттӣ аз ҷон безор
шудаам; агар Яъқуб зане аз духтарони ҳиттӣ, мисли ононе ки
духтарони ин заминанд, бигирад, ба ман зиндагӣ чӣ лозим аст?»+

## Яъқуб дар Байт-Ил. Аҳде ки Худо бо Иброҳим бастааст, ба ӯ мегузарад.

**28** 1 Ва Исҳоқ Яъқубро хонд, ва ӯро баракат дод, ва ӯро амр
фармуда, гуфт: «Зане аз духтарони Канъон нагир.
2 Бархоста, ба Фаддони Арам, ба хонаи падари модарат Батуил
бирав, ва аз он ҷо зане барои худ аз духтарони Лобон, бародари
модарат бигир+.
3 Ва Худои Қодир туро баракат диҳад, ва туро борвар ва афзун
гардонад, ва аз ту қавмҳои бисьёр ба вуҷуд оянд;
4 Ва баракати Иброҳимро ба ту диҳад, ба ту ва ба насли ту бо ту, то
ки вориси замини мусофирати худ шавӣ, ки Худо онро ба Иброҳим
додааст»+.
5 Ва Исҳоқ Яъқубро равона кард, ва ӯ ба Фаддони Арам назди
Лобон ибни Батуили арамӣ, бародари Ривқо, модари Яъқуб ва Эсов,
равона шуд.
6 Ва Эсов дид, ки Исҳоқ Яъқубро баракат дод, ва ӯро ба Фаддони
Арам равона кард, то ки аз он ҷо зане барои худ бигирад, ва дар вақти
баракат доданаш ба вай амр фармуда, гуфт, ки «зане аз духтарони
Канъон нагир»;
7 Ва Яъқуб ба сухани падару модари худ даромада, ба Фаддони
Арам равона шуд;
8 Ва Эсов дид, ки духтарони Канъон дар назари падараш Исҳоқ
писандида нестанд;
9 Ва Эсов назди Исмоил рафт, ва Маҳалат, духтари Исмоил ибни
Иброҳимро, ки хоҳари Набойӯт буд, илова бар заноне ки дошт, ба
занӣ гирифт+.
10 Ва Яъқуб аз Беэр-Шобаъ баромада, сӯи Ҳоррон равона шуд,
11 Ва ба маконе расида, дар он ҷо шабро гузаронд, зеро ки офтоб
ғуруб карда буд. Ва яке аз сангҳои он ҷоро гирифта, зери сари худ
гузошт, ва дар ҳамон ҷо хобид.

## Рӯъёи нардбон.

12 Ва хобе дид, ки инак, нардбоне бар замин истодааст, ва сараш ба
осмон мерасад; ва инак, фариштагони Худо бар он мебароянд ва
мефуроянд.

13 Ва инак, Худованд бар он истодааст, ва мегӯяд: «Манам Худованд, Худои Иброҳим падарат ва Худои Исҳоқ. Ин заминро, ки ту бар он хобидаӣ, ба ту ва ба насли ту медиҳам+.

14 Ва насли ту мисли ғубори замин хоҳад буд; ва ба мағриб, ва машриқ, ва шимол, ва ҷануб паҳн хоҳӣ шуд; ва дар ту ва дар насли ту ҳамаи қабилаҳои рӯи замин баракат хоҳанд хост+.

15 Ва инак, Ман бо ту ҳастам; ва туро дар ҳар ҷое ки равӣ, муҳофизат намоям; ва туро ба ин замин баргардонам; зеро то он чиро, ки ба ту гуфтам, ба ҷо наоварам, туро тарк накунам».

16 Ва Яъқуб аз хоби худ бедор шуд ва гуфт: «Ба ростӣ Худованд дар ин макон аст, ва ман надонистаам».

17 Ва ҳаросон шуда, гуфт: «Ин чӣ макони воҳиманокест! Ин нест чизи дигаре, ҷуз хонаи Худо, ва ин аст дарвозаи осмон».

18 Ва бомдодон Яъқуб бархост, ва он сангеро, ки зери сари худ гузошта буд, гирифт, ва мисли сутуне рост монд, ва равған бар сари он рехт+.

19 Ва он маконро Байт-Ил* номид; вале номи он шаҳр аввал Луз буд+.

20 Ва Яъқуб назр карда, гуфт: «Агар Худо бо ман бошад, ва маро дар ин роҳ, ки меравам, муҳофизат намояд, ва ба ман нон барои хӯрдан ва либос барои пӯшидан диҳад,+

21 Ва ман ба саломатӣ ба хонаи падарам баргардам, — Худованд Худои ман хоҳад буд,

22 Ва ин санг, ки мисли сутуне рост мондам, хонаи Худо хоҳад буд; ва ҳар он чи Ту ба ман бидиҳӣ, даҳьякашро ба Ту хоҳам дод»+.

## Яъқуб дар Ҳоррон.

**29** [1] Ва Яъқуб ба роҳ даромада, ба замини аҳли машриқ равона
шуд.
[2] Ва дид, ки инак, дар саҳро чоҳе ҳаст, ва дар гирду пешаш се
рамаи гӯсфандон хобидааст; зеро ки аз он чоҳ рамаҳоро об медоданд;
ва санги калоне бар даҳани чоҳ буд.
[3] Ва чун ҳамаи рамаҳо дар он ҷо ҷамъ мешуданд, сангро аз даҳани
чоҳ ғалтонида, рамаҳоро об медоданд; ва пас аз ин боз сангро дар ҷои
он, ба даҳани чоҳ мегузоштанд.
[4] Ва Яъқуб ба онҳо гуфт: «Бародаронам, шумо аз куҷоед?» Гуфтанд:
«Мо аз Ҳорронем».
[5] Ба онҳо гуфт: «Оё Лобон ибни Ноҳӯрро мешиносед?» Гуфтанд:
«Мешиносем».
[6] Ба онҳо гуфт: «Оё вай саломат аст?» Гуфтанд: «Саломат аст; инак,
духтараш Роҳел бо рама меояд».
[7] Гуфт: «Инак, рӯз ҳанӯз равшан аст; вақти ҷамъ кардани чорво
нест; рамаҳоро об диҳед, ва рафта, чаронед».
[8] Гуфтанд: «Наметавонем, то даме ки ҳамаи рамаҳо ҷамъ шаванд,
ва сангро аз даҳани чоҳ биғалтонанд; он гоҳ рамаро об медиҳем».
[9] Ҳанӯз бо онҳо гап зада истода буд, ки Роҳел бо рамаи падари худ
омад, зеро ки ӯ онро мечаронид.
[10] Ва чун Яъқуб Роҳел духтари тағои худ Лобон ва рамаи тағои худ
Лобонро дид, Яъқуб наздик шуда, сангро аз даҳани чоҳ ғалтонид ва
рамаи тағои худ Лобонро об дод.
[11] Ва Яъқуб Роҳелро бӯсид ва овози худро баланд карда, гирист.
[12] Ва Яъқуб Роҳелро огоҳ намуд, ки ӯ ҷияни падари вай ва писари
Ривқо мебошад. Роҳел тозон рафта, падари худро огоҳ кард.
[13] Ва чун Лобон хабари хоҳарзодаи худ Яъқубро шунид, ба
пешвозаш шитофт, ва ӯро дар оғӯш гирифта, бӯсид, ва ба хонаи худ
овард; ва ӯ ҳамаи ин гапҳоро ба Лобон ҳикоят кард.
[14] Ва Лобон ба ӯ гуфт: «Дар ҳақиқат ту устухон ва гӯшти ман
ҳастӣ». Ва назди вай муддати як моҳ истод.
[15] Ва Лобон ба Яъқуб гуфт: «Азбаски хеши ман ҳастӣ, ба ман муфт
хизмат мекунӣ магар? Ба ман бигӯй, ки муздат чист?»

16 Ва Лобон ду духтар дошт; номи калони Леё ва номи хурдӣ Роҳел
буд.
17 Ва чашмони Леё заиф буд, вале Роҳел хушандом ва хушрӯй буд.
18 Ва Яъқуб ба Роҳел дил баста буд, ва гуфт: «Барои духтари
хурдиат Роҳел ба ту ҳафт сол хизмат мекунам».
19 Ва Лобон гуфт: «Ӯро ба ту бидиҳам беҳтар аст аз он ки ба марди
дигаре бидиҳам; назди ман бимон».
20 Ва Яъқуб барои Роҳел ҳафт сол хизмат кард, ва онҳо ба назараш
мисли якчанд рӯз намуданд, чунки варо дӯст медошт.
21 Ва Яъқуб ба Лобон гуфт: «Занамро ба ман бисупор, зеро мӯҳлати
ман пур шуд, то ки бо вай бихобам».
22 Ва Лобон ҳамаи мардуми он ҷоро даъват намуда, базме орост.
23 Вале шомгоҳ духтари худ Леёро гирифта, пеши ӯ овард; ва ӯ бо
вай хобид.
24 Ва Лобон канизи худ Зилфоро ба духтари худ Леё ба канизӣ дод.
25 Ва бомдодон маълум шуд, ки ин Леё будааст. Ва ба Лобон гуфт:
«Ин чӣ кор аст, ки ба ман кардӣ? Магар барои Роҳел назди ту хизмат
накардам? Чаро маро фиреб додӣ?»
26 Ва Лобон гуфт: «Дар макони мо чунин намекунанд, ки хурдиро
аз калонӣ пештар бидиҳанд.
27 Ҳафтаи тӯи арӯсии инро тамом кун, ва хурдиро низ ба ту
медиҳам, ба бадали хизмате ки назди ман боз ҳафт соли дигар
бикунӣ»+.
28 Ва Яъқуб чунин кард; ва ҳафтаи варо тамом кард. Ва Лобон
духтари худ Роҳелро ба ӯ ба занӣ дод.
29 Ва Лобон канизи худ Билҳоро ба духтари худ Роҳел ба канизӣ
дод.
30 Ва бо Роҳел низ хобид, ва Роҳелро аз Леё бештар дӯст медошт; ва
боз ҳафт соли дигар назди Лобон хизмат кард+.
31 Ва чун Худованд дид, ки Леё номаҳбуб аст, батни ӯро кушод,
вале Роҳел нозой монд+.
32 Ва Леё ҳомила шуда, писаре зоид, ва ӯро Реубен ном ниҳод, зеро
гуфт: «Худованд мусибати маро дид, ва акнун шавҳарам маро дӯст
хоҳад дошт».
33 Ва бори дигар ҳомила шуда, писаре зоид, ва гуфт: «Зеро
Худованд шунид, ки ман номаҳбуб ҳастам, ва инро низ ба ман

бахшид». Ва ӯро Шимъӯн номид.
34 Ва боз ҳомила шуда, писаре зоид, ва гуфт: «Акнун, ин дафъа, шавҳарам бо ман хоҳад пайваст, зеро ки ба вай се писар зоидам». Бинобар ин ӯро Левӣ ном ниҳод.
35 Ва боз ҳомила шуда, писаре зоид, ва гуфт: «Ин дафъа Худовандро ҳамд мегӯям». Бинобар ин ӯро Яҳудо номид. Ва аз зоидан монд.

## Осудаҳолии Яъқуб.

**30** [1] Ва Роҳел дид, ки ба Яъқуб назоид, ва Роҳел ба хоҳари худ
ҳасад бурд, ва ба Яъқуб гуфт: «Ба ман фарзанд бидеҳ; вагар на,
мемирам».

[2] Ва Яъқуб ба Роҳел хашм гирифт ва гуфт: «Магар ман дар ҷои
Худо ҳастам, ки самари батнро аз ту боздоштааст?»

[3] Гуфт: «Инак канизи ман Билҳо; бо вай бихоб, то ки бар зонуям
бизояд, ва ман низ аз вай фарзанд ёбам».

[4] Ва канизи худ Билҳоро ба ӯ ба занӣ дод; ва Яъқуб бо вай хобид.

[5] Ва Билҳо ҳомила шуда, ба Яъқуб писаре зоид.

[6] Ва Роҳел гуфт: «Худо ба доди ман расид, ва овози маро низ
шунид, ва писаре ба ман дод». Бинобар ин ӯро Дон ном ниҳод.

[7] Ва Билҳо, канизи Роҳел, боз ҳомила шуда, писари дуюмин ба
Яъқуб зоид.

[8] Ва Роҳел гуфт: «Ба гӯштинҳои Худо бо хоҳари худ гӯштин
гирифтам, ва ғолиб омадам». Ва ӯро Нафтолӣ ном ниҳод.

[9] Ва Леё дид, ки аз зоидан мондааст, ва канизи худ Зилфоро
гирифт, ва ӯро ба Яъқуб ба занӣ дод.

[10] Ва Зилфо, канизи Леё, ба Яъқуб писаре зоид.

[11] Ва Леё гуфт: «Толеъ ёр шуд!» Ва ӯро Ҷод ном ниҳод.

[12] Ва Зилфо, канизи Леё, писари дуюмин ба Яъқуб зоид.

[13] Ва Леё гуфт: «Ба хушбахтии ман аст! Зеро ки духтарон маро
хушбахт хоҳанд хонд». Ва ӯро Ошер ном ниҳод.

[14] Ва дар айёми гандумдаравӣ Реубен рафт, ва меҳргиёҳҳо дар
саҳро ёфт, ва онҳоро ба модари худ Леё овард. Ва Роҳел ба Леё гуфт:
«Аз меҳргиёҳҳои писарат ба ман бидеҳ».

[15] Вай ба ӯ гуфт: «Оё кам аст, ки шавҳари маро гирифтӣ, боз
мехоҳӣ меҳргиёҳҳои писари маро бигирӣ?!» Ва Роҳел гуфт: «Имшаб
ба ивази меҳргиёҳҳои писарат бо ту бихобад»+.

[16] Ва бегоҳӣ Яъқуб аз саҳро омад, ва Леё ба пешвози ӯ баромад, ва
гуфт: «Назди ман даро; зеро ки музди туро бо меҳргиёҳҳои писарам
адо кардам». Ва ҳамон шаб бо вай хобид.

[17] Ва Худо дуои Леёро шунид, ва ӯ ҳомила шуд, ва писари
панҷумин ба Яъқуб зоид.

18 Ва Леё гуфт: «Худо музди маро дод ба ивази он ки канизамро ба
шавҳарам додам». Ва ӯро Иссокор ном ниҳод.
19 Ва боз Леё ҳомила шуда, писари шашумин ба Яъқуб зоид.
20 Ва Леё гуфт: «Худо ҳадияи хубе ба ман дод; акнун шавҳарам
назди ман хоҳад зист, зеро ки шаш писар ба ӯ зоидам». Ва ӯро
Забулун ном ниҳод.
21 Ва баъд духтаре зоид; ва ӯро Дино ном ниҳод.
22 Ва Худо Роҳелро ба ёд овард, ва дуои ӯро шунид, ва батни ӯро
кушод.
23 Ва ӯ ҳомила шуд, ва писаре зоид, ва гуфт: «Худо нанги маро аз
миён бардошт».
24 Ва ӯро Юсуф ном ниҳода, гуфт: «Худованд ба ман писари дигаре
хоҳад дод».
25 Ва пас аз он ки Роҳел Юсуфро зоид, Яъқуб ба Лобон гуфт: «Маро
ҷавоб деҳ, то ки ба макони худ ва ба замини худ биравам;
26 Занон ва фарзандони маро, ки барояшон ба ту хизмат кардам, ба
ман бидеҳ, то ки биравем; зеро хизматеро, ки ба ту кардам, ту
медонӣ».
27 Ва Лобон ба ӯ гуфт: «Кошки дар назари ту илтифот меёфтам! Ба
фол гирифтаам, ки ба хотири ту Худованд маро баракат додааст».
28 Ва гуфт: «Музди худро ба ман муайян кун, то ки онро ба ту
диҳам».
29 Ба вай гуфт: «Худат медонӣ, ки ман ба ту чӣ гуна хизмат
кардаам, ва чорвои ту назди ман чӣ гуна зиёд шуд.
30 Зеро ки пеш аз омадани ман моли ту кам буд, ва бениҳоят зиёд
шуд; ва ба хотири ман Худованд туро баракат дод; ва акнун кай ман
барои хонаи худ низ кор мекунам?»
31 Ва гуфт: «Ба ту чӣ бидиҳам?» Ва Яъқуб гуфт: «Чизе ба ман надеҳ.
Вале агар ин корро барои ман бикунӣ, ман аз нав рамаи туро чӯпонӣ
ва посбонӣ хоҳам кард:
32 Имрӯз дар тамоми рамаи ту гардиш мекунам; ҳар меши хол-хол
ва алоро аз он ҷудо кун, ва ҳар меши сиёҳ аз миёни гӯсфандон ва
алою хол-хол аз миёни бузон музди ман хоҳад буд.
33 Ва дар оянда сидқи ман дар ҳаққи ман шаҳодат хоҳад дод, вақте
ки биёӣ, то ки музди маро дар пеши назарат бубинӣ: он чи аз бузон

хол-холу ало ва аз гӯсфандон сиёҳ набошад, назди ман чизи дуздӣ
ҳисоб ёбад».
34 Ва Лобон гуфт: «Майлаш, гуфтаи ту шавад».
35 Ва ҳамон рӯз нарбузҳои доғдору алоро, ва ҳамаи модабузҳои
хол-хол ва алоро, ки доғи сафед доштанд, ва ҳамаи гӯсфандони
сиёҳро ҷудо карда, ба дасти писаронаш дод.
36 Ва дар миёни худ ва Яъқуб масофаи серӯза муқаррар намуд. Ва
Яъқуб боқии чорвои Лобонро чӯпонӣ кард.
37 Ва Яъқуб навдаҳои тару тозаи сафедор, бодом ва кастонаро
гирифт, ва хатҳои сафед бар онҳо бурида, пӯстро то сафедии чӯб
канда партофт;
38 Ва навдаҳои пӯстбуридаро дар тағораҳои обхӯрие ки чорво
барои нӯшидан назди онҳо меомад, дар рӯ ба рӯи чорво гузошт, то ки
ҳангоми ба обхӯрӣ омаданаш бордор шавад.
39 Ва чорво дар пеши навдахо бордор мешуд, ва барраҳои доғдор,
хол-хол ва ало мезоид.
40 Ва Яъқуб барраҳоро ҷудо мекард, ва рӯи рамаро сӯи тамоми
чорвои доғдор ва сиёҳи Лобон мегузошт; ва барои худ рамаҳои
алоҳида тартиб медод, ва онҳоро бо чорвои Лобон як ҷо намемонд.
41 Ва ҳар гоҳ, ки чорвои тануманд бордор мешуд, Яъқуб навдаҳоро
дар тағораҳо пеши назари чорво мемонд, то ки дар пеши навдаҳо
бордор шавад.
42 Вале ҳар гоҳ чорвои заиф бордор мешуд, онҳоро намемонд. Ва
заифҳо аз они Лобон ва танумандҳо аз они Яъқуб мешуданд.
43 Ва ин мард хеле ва хеле бой шуд, ва рамаҳои бисьёр, ва канизон,
ва ғуломон, ва шутурон, ва харон дошт.

**31** [1] Ва Яъқуб суханони писарони Лобонро шунид, ки
мегуфтанд: «Яъқуб тамоми дороии падари моро гирифтааст, ва
аз дороии падари мо тамоми ин сарватро ба вуҷуд овардааст».
[2] Ва Яъқуб рӯи Лобонро дид, ва инак, нисбат ба ӯ на ончунон буд,
ки дирӯз ва парирӯз буд.
[3] Ва Худованд ба Яъқуб гуфт: «Ба замини падарат ва ба зодгоҳат
баргард, ва Ман бо ту хоҳам буд».
[4] Ва Яъқуб кас фиристода, Роҳел ва Леёро ба саҳро, назди чорвои
худ ҷеғ зад.
[5] Ва ба онҳо гуфт: «Ман рӯи падари шуморо мебинам, ки нисбат ба
ман на ончунон аст, ки дирӯз ва парирӯз буд. Аммо Худои падарам
бо ман буд.
[6] Ва шумо медонед, ки бо тамоми қуввати худ ба падари шумо
хизмат кардам.
[7] Ва падари шумо маро фиреб карда, даҳ маротиба музди маро
тағйир дод, аммо Худо ӯро нагузошт, ки ба ман бадӣ кунад.
[8] Ҳангоме ки ӯ гуфт: „Музди ту барраҳои хол-хол бошад“, тамоми
чорво хол-хол зоид. Ва ҳангоме ки гуфт: „Музди ту барраҳои доғдор
бошад“, тамоми чорво доғдор зоид.
[9] Ва Худо чорвои падари шуморо гирифта, ба ман дод.
[10] Боре, дар мавсими бордоршавии чорво, ман дар хоб чашм
андохтам ва дидам, ва инак, такаҳое ки бо чорво ҷуфт мешуданд,
доғдор, хол-хол ва ало буданд.
[11] Ва фариштаи Худо дар хоб ба ман гуфт: „Эй Яъқуб!“ Гуфтам:
„Лаббай!“

## Овози Худо Яъқубро даъват менамояд, ки ба ватан баргардад.

[12] Ва гуфт: „Чашм андоз ва бубин, ки ҳамаи такаҳое ки бо чорво
ҷуфт мешаванд, доғдор, хол-хол ва ало ҳастанд; зеро ки ҳар он чи
Лобон бо ту кардааст, дидаам.
[13] Манам Худои Байт-Ил, ҷое ки бар сутуне равған рехтӣ, ва бо
Ман назр кардӣ. Акнун бархез, аз ин замин берун бирав; ва ба замини
зодгоҳи худ баргард“»+.

## Гурехтани Яъқуб.

14 Роҳел ва Леё ба ҷавоби ӯ гуфтанд: «Оё ҳанӯз дар хонаи падари мо ҳиссае ё меросе барои мо боқист?

15 Магар дар назари ӯ чун бегонаҳо ба шумор намеравем? Зеро ки моро фурӯхт, ва ҳатто пули моро хӯрд.

16 Бинобар ин тамоми сарвате ки Худо аз падари мо гирифтааст, аз они мо ва фарзандони мост. Ва акнун ҳар он чи Худо ба ту гуфтааст, ба ҷо овар».

17 Ва Яъқуб бархоста, фарзандон ва занони худро ба шутурон савор кард;

18 Ва тамоми чорво ва тамоми дороии худро, ки пайдо карда буд, яъне чорвои хусусии худро, ки дар Фаддони Арам пайдо карда буд, бо худ гирифт, то ки назди падари худ Исҳоқ ба замини Канъон биравад.

19 Ва азбаски Лобон барои буридани пашми чорвои худ рафта буд, Роҳел бутҳои падари худро дуздид.

20 Вале Яъқуб Лобони арамиро чапғалат дод, чунки ӯро аз рафтани худ огоҳ накард.

21 Ва ӯ бо ҳар он чи дошт, гурехт, ва бархоста, аз наҳр гузашт, ва рӯй ба ҷониби кӯҳи Ҷилъод ниҳод.

22 Ва дар рӯзи сеюм ба Лобон хабар доданд, ки Яъқуб гурехтааст.

23 Ва хешовандони худро бо худ гирифта, ҳафт рӯз ӯро дунболагирӣ кард, ва дар кӯҳи Ҷилъод ба ӯ даррасид.

24 Ва шабонгоҳ Худо дар хоби Лобони арамӣ зоҳир гардида, ба ӯ гуфт: «Эҳтиёт бош, ки ба Яъқуб нек ё бад нагӯӣ».

25 Ва Лобон ба Яъқуб даррасид; ва Яъқуб хаймаи худро дар кӯҳ барафрошта буд, ва Лобон низ бо хешовандони худ дар кӯҳи Ҷилъод манзил кард.

26 Ва Лобон ба Яъқуб гуфт: «Чӣ кор аст, ки кардӣ? Барои чӣ маро чапғалат додӣ ва духтаронамро мисли асирони ҳарбӣ гирифта бурдӣ?

27 Чаро пинҳонӣ гурехтӣ, ва маро дар иштибоҳ андохтӣ, ва чизе ба ман нагуфтӣ? Ман туро бо шодӣ ва сурудҳо, бо даф ва барбат гусел мекардам.

[28] Ва маро нагузоштӣ, ки набераҳо ва духтарони худро бибӯсам;
рафтори беақлонае кардӣ.
[29] Дар дастам қуввате ҳаст, ки ба шумоён бадӣ кунам, вале Худои
падари шумо дишаб ба ман хитоб карда, гуфт: „Эҳтиёт бош, ки ба
Яъқуб нек ё бад нагӯӣ“.
[30] Ва акнун, ки рафтанӣ будӣ, зеро ба хонаи падари худ рағбати
калон доштӣ, пас чаро худоёни маро дуздидӣ?»+
[31] Ва Яъқуб ба ҷавоби Лобон гуфт: «Зеро тарсидам ва гумон
кардам, ки мабодо духтарони худро аз ман бо зӯрӣ бигирӣ.
[32] Назди ҳар кас худоёнатро биёбӣ, ӯ зинда намонад! Дар ҳузури
хешовандони мо ҳар он чи аз чизу чораат назди ман бишносӣ, барои
худ бигир». Вале Яъқуб намедонист, ки Роҳел онҳоро дуздидааст.
[33] Ва Лобон ба хаймаи Яъқуб, ва ба хаймаи Леё, ва ба хаймаи ду
каниз даромад, лекин наёфт. Ва аз хаймаи Леё баромада, ба хаймаи
Роҳел даромад.
[34] Ва Роҳел бутҳоро гирифта, зери зини шутур ниҳод, ва бар онҳо
нишаст. Ва Лобон тамоми хаймаро тафтиш кард, лекин наёфт.
[35] Ба падараш гуфт: «Ба назари оғои ман бад нанамояд, ки дар
ҳузурат бархоста наметавонам, зеро ки қоидаи занон бар ман аст».
Ва ҷустуҷӯ карда, бутҳоро наёфт.
[36] Ва Яъқуб ба хашм омада, бо Лобон мунозира кард. Ва Яъқуб ба
ҷавоби Лобон гуфт: «Гуноҳ ва хатои ман чист, ки маро таъқиб
мекунӣ?
[37] Модоме ки ҳамаи чизҳои маро тафтиш кардӣ, аз ҳамаи чизҳои
хонаи худ чӣ ёфтӣ? Ин ҷо пеши хешовандони ман ва хешовандони
худ бинеҳ, то ки дар миёни ҳар дуи мо ҳакам шаванд.
[38] Дар ин бист сол, ки ман бо ту будам, мешҳо ва модабузҳои ту
бача напартофтаанд, ва қӯчқорҳои рамаи туро нахӯрдаам;
[39] Ҳайвони кафидаро пеши ту наовардаам: худам товонашро
медодам; чизе хоҳ рӯзона талаф мешуд ва хоҳ шабона талаф мешуд,
талофии онро аз ман мегирифтӣ.
[40] Рӯзҳо аз гармӣ ва шабҳо аз хунукӣ азоб мекашидам; ва хоб аз
чашмам мегурехт.
[41] Чунин буд бист соли умри ман дар хонаи ту. Ба ту чордаҳ сол
барои ду духтарат ва шаш сол барои чорвоят хизмат кардам; ва ту
даҳ маротиба музди маро тағйир додӣ.

42 Агар Худои падарам, Худои Иброҳим ва Ҳайбати Исҳоқ бо ман
намебуд, ту ҳоло маро тиҳидаст равона мекардӣ. Худо мусибати
маро, ва ранҷи дастҳои маро дид, ва дишаб доварӣ кард».
43 Ва Лобон ба ҷавоби Яъқуб гуфт: «Ин духтарон духтарони
мананд; ва ин фарзандон фарзандони мананд; ва ин чорво чорвои
ман аст, ва ҳар он чи ту мебинӣ, аз они ман аст; пас имрӯз ба ин
духтарони худам ва ба фарзандоне ки зоидаанд, ман чӣ кор карда
метавонам?
44 Ва акнун биё, ман ва ту аҳд бибандем, то ки дар миёни ман ва ту
шаҳодате бошад».
45 Ва Яъқуб санге гирифта, мисли сутуне рост монд+.
46 Ва Яъқуб ба хешовандони худ гуфт: «Санг ҷамъ кунед!» Ва онҳо
санг ҷамъ карда, пуштае сохтанд; ва дар он ҷо, бар пушта хӯрок
хӯрданд.
47 Ва Лобон онро Яҷар-Соҳадуто номид, вале Яъқуб онро Ҷалъэд
номид.
48 Ва Лобон гуфт: «Имрӯз ин пушта дар миёни ман ва ту шоҳид
аст». Ба ин сабаб онро Ҷалъэд номид,
49 Ва Мисфо низ; ба он сабаб, ки гуфт: «Худованд дар миёни ман ва
ту дидбонӣ кунад, вақте ки аз назари якдигар ғоиб шавем.
50 Агар духтарони маро озор диҳӣ, ва агар болои духтарони ман
занони дигар бигирӣ, агарчи ҳеҷ касе дар миёни мо нест, вале огоҳ
бош, ки Худо дар миёни ман ва ту шоҳид аст».
51 Ва Лобон ба Яъқуб гуфт: «Инак ин пушта ва инак сутуне ки дар
миёни худам ва ту гузоштам.
52 Ин пушта шоҳид аст ва ин сутун шоҳид аст, ки ман аз ин пушта
сӯи ту нагзарам, ва ту аз ин пушта ва ин сутун бо қасди баде сӯи ман
нагзарӣ.
53 Худои Иброҳим ва Худои Ноҳӯр, ки Худои падари онҳост, дар
миёни мо ҳакам бошанд». Ва Яъқуб ба Ҳайбати падари худ Исҳоқ
қасам ёд кард+.
54 Ва Яъқуб дар он кӯҳ ҷонвареро қурбонӣ кард, ва хешовандони
худро ба нон хӯрдан даъват намуд, ва онҳо нон хӯрданд ва дар кӯҳ
шабро гузаронданд.
55 Бомдодон Лобон бархоста, набераҳо ва духтарони худро бӯсид,
ва онҳоро баракат дод, ва равона шуд, ва Лобон ба маскани худ

баргашт.

## Ба Яъқуб номи Исроил дода шуд.

**32** 1 Ва Яъқуб роҳи худро пеш гирифт. Ва фариштагони Худо ба
ӯ вохӯрданд.
2 Ва чун Яъқуб онҳоро дид, гуфт: «Ин лашкари Худост!» Ва он
мавзеъро Маҳаноим номид.
3 Ва Яъқуб пешопеши худ назди бародараш Эсов ба сарзамини
Сеир, ба саҳрои Адӯм қосидонро фиристод;
4 Ва ба онҳо амр фармуда, гуфт: «Ба оғоям Эсов бигӯед, ки бандаи
ту Яъқуб чунин арз мекунад: „Бо Лобон иқомат доштам, ва то кунун
тавaққуф намудам;
5 Ва ман молики барзаговон ва харон ва гӯсфандон, ва ғуломон ва
канизон мебошам; ва фиристодам, то ки оғоямро огоҳӣ диҳам ва дар
назарат илтифот ёбам“».
6 Ва қосидон назди Яъқуб баргашта, гуфтанд: «Назди бародарат
Эсов расидем; ва ӯ ба пешвози мо меояд, ва чорсад одам ҳамроҳи
ӯст».
7 Ва Яъқуб бағоят тарсид ва мушавваш шуд, ва касонеро, ки бо ӯ
буданд, ва гӯсфандон ва говон ва шутуронро ба ду бошишгоҳ тақсим
кард.
8 Ва гуфт: «Агар Эсов ба як бошишгоҳ омада, онро зарба занад,
бошишгоҳи дигар наҷот меёбад».
9 Ва Яъқуб гуфт: «Эй Худои падарам Иброҳим ва Худои падарам
Исҳоқ, эй Худованде ки ба ман гуфтаӣ: „Ба замини худ ва ба зодгоҳи
худ баргард, ва Ман ба ту эҳсон кунам“!+
10 Ҳамаи марҳаматҳо ва ҳамаи некиҳоро, ки дар ҳаққи бандаат
кардаӣ, сазовор нестам; зеро ки бо чӯбдасти худ аз ин Урдун гузашта
будам; ва ҳоло молики ду бошишгоҳ мебошам.
11 Марҳамат карда, маро аз дасти бародарам, аз дасти Эсов наҷот
деҳ; зеро ман аз ӯ метарсам, ки мабодо биёяд ва маро, ва модару
фарзандонро зарба занад.
12 Ва Ту гуфтаӣ: „Ман ба ту эҳсон кунам, ва насли туро мисли реги
дарьё гардонам, ки аз бисьёрӣ онро натавон шумурд“»+.
13 Ва он шабро дар ҳамон ҷо гузаронд. Ва аз он чи дар дасташ буд,
тӯҳфае барои бародари худ Эсов гирифт:
14 Дусад модабуз ва бист нарбуз, дусад меш ва бист қӯчқор,

15 Сӣ модашутури ширдеҳ бо бачаҳошон, чил модагов ва даҳ
барзагов, бист модахар ва даҳ нархар.
16 Ва ба дасти ғуломони худ ҳар рамаро алоҳида дод, ва ба
ғуломони худ гуфт: «Аз пеши ман гузашта равед, ва дар мобайни
рамаҳо фосилае бигзоред».
17 Ва ба нахустин амр фармуда, гуфт: «Чун бародарам Эсов ба ту
вохӯрад, ва аз ту пурсида, бигӯяд: „Аз они кистӣ? Ва куҷо меравӣ? Ва
инҳо, ки пеши туст, аз они кист?“
18 Ба ӯ бигӯй: „Аз они бандаат Яъқуб аст; инҳо тӯҳфаест, ки ба
оғоям Эсов фиристода шудааст; ва инак, худаш низ дар ақиби мост“».
19 Ва ҳамчунин ба дуюмин, ба сеюмин ва ба ҳамаи онҳое ки аз
ақиби рамаҳо мерафтанд, амр фармуда, гуфт: «Чун ба Эсов бирасед,
ба ӯ чунин гӯед;
20 Ва низ гӯед: „Инак, бандаат Яъқуб дар ақиби мост“». Зеро ба
дили худ гуфт: «Дили ӯро бо тӯҳфае ки пешопеши ман меравад, нарм
мекунам ва баъд аз он бо ӯ рӯ ба рӯ мешавам; шояд, маро қабул
кунад».
21 Ва тӯҳфа пешопеш гузашта рафт; ва ӯ он шабро дар бошишгоҳ
гузаронд.
22 Ва шабонгоҳ бархост, ва ду занаш ва ду канизаш ва ёздаҳ
писарашро гирифта, аз маъбари Яббӯқ гузашт.
23 Ва онҳоро гирифта, аз он наҳр гузаронид, ва тамоми дороии
худро гузаронид.
24 Ва Яъқуб танҳо монд. Ва касе бо ӯ то дамидани субҳ гӯштин
гирифт;
25 Ва чун он кас дид, ки зӯраш ба ӯ намерасад, ба банди сурини ӯ
расид, ва банди сурини Яъқуб, ҳангоми бо Вай гӯштин гирифтан,
фушурда шуд.
26 Ва гуфт: «Маро сар деҳ; зеро ки субҳ дамид». Гуфт: «То маро
баракат надиҳӣ, Туро сар намедиҳам».
27 Ба ӯ гуфт: «Номат чист?» Гуфт: «Яъқуб».
28 Ва гуфт: «Минбаъд номи ту Яъқуб хонда нашавад, балки Исроил;
зеро ки бо Худо ва бо одамон гӯштин гирифтӣ, ва ғолиб шудӣ»+.
29 Ва Яъқуб савол дода, гуфт: «Хоҳишмандам, номи Худро бигӯй».
Гуфт: «Чаро номи Маро мепурсӣ?» Ва ӯро дар он ҷо баракат дод+.

30 Ва Яъқуб он мавзеъро Фануил номид; зеро ки, гуфт ӯ, Худоро рӯ
ба рӯ дидам, ва ҷонам раҳо шуд+.
31 Ва ҳангоме ки аз Фануил мегузашт, офтоб тулӯъ кард; ва ӯ бар
сурини худ мелангид.
32 Сабаб ҳамин аст, ки банӣ-Исроил ирқуннисоро*, ки дар банди
сурин аст, то имрӯз намехӯранд, зеро ки ба ирқуннисои банди
сурини Яъқуб расида буд.

## Вохӯрии Яъқуб бо Эсов.

33 [1] Ва Яъқуб чашм андохта, дид, ки инак, Эсов меояд, ва чорсад
одам ҳамроҳи ӯст. Ва бачаҳоро ба Леё ва Роҳел ва ду каниз
тақсим кард.
[2] Ва канизонро бо бачаҳошон пеш гузошт, ва Леёро бо бачаҳояш
дар ақиби онҳо, ва Роҳелро бо Юсуф дар охир.
[3] Ва худаш пешопеши онҳо рафт, ва ҳафт маротиба то замин саҷда
кард, то ки ба бародари худ расид.
[4] Ва Эсов ба пешвози ӯ давид, ва ӯро ба оғӯш кашид, ва сар бар
гардани ӯ ниҳод, ва ӯро бӯсид, ва бигиристанд.
[5] Ва Эсов чашм андохта, занону бачагонро дид, ва гуфт: «Инҳо ба
ту кистанд?» Гуфт: «Фарзандоне ки Худо ба бандаат бахшидааст».
[6] Ва канизон бо бачаҳошон наздик омада, саҷда карданд.
[7] Ва Леё бо бачаҳояш низ наздик омада, саҷда карданд. Ва дар охир
Юсуф ва Роҳел наздик омада, саҷда карданд.
[8] Ва гуфт: «Аз баҳри чист туро тамоми ин гурӯҳе ки ба он
вохӯрдам?» Гуфт: «То ки дар назари оғоям илтифот ёбам».
[9] Ва Эсов гуфт: «Эй бародарам, ман бисьёр дорам; он чи аз они
туст, аз они ту бошад».
[10] Ва Яъқуб гуфт: «Не, агар дар назарат илтифот ёфта бошам,
тӯҳфаи маро аз дастам бигир; зеро ки рӯи туро дидам, мисли дидани
рӯи Худо, ва ту ба ман бо чашми нек назар кардӣ.
[11] Баракати маро, ки бароят оварда шуд, бигир; чунки Худо ба ман
эҳсон кардааст, ва ҳама чиз дорам». Ва чун Яъқуб ӯро розӣ кард, ӯ
гирифт.
[12] Ва гуфт: «Кӯч карда, биравем; ва ман пешопеши ту меравам».
[13] Ва Яъқуб гуфт: «Оғоям медонад, ки бачагон нозуканд, ва
гӯсфандон ва говони ширдеҳ бо ман аст, ва агар онҳоро як рӯз ҳай
кунанд, тамоми чорво мемирад.
[14] Бигзор оғоям аз бандаи худ пештар биравад, ва ман мувофиқи
коре ки маро дар пеш аст, ва мувофиқи қадами бачагон оҳиста-
оҳиста равона мешавам, то ки назди оғоям ба Сеир бирасам».
[15] Ва Эсов гуфт: «Аз мардуме ки бо мананд, назди ту мегузорам».
Гуфт: «Чӣ лозим аст? Фақат дар назари оғоям илтифот ёбам
шудааст».

[16] Ва ҳамон рӯз Эсов роҳи худро пеш гирифта, ба Сеир баргашт.
[17] Вале Яъқуб ба Суккӯт равона шуд, ва хонае барои худ бино кард, ва барои чорвои худ соябонҳо сохт. Аз ин сабаб он мавзеъро Суккӯт номид.

## Яъқуб дар Шакем манзил мекунад ва барои Худо қурбонгоҳ месозад.

[18] Ва Яъқуб аз Фаддони Арам баргашта, сиҳат саломат ба шаҳри Шакем, ки дар замини Канъон аст, омад ва дар рӯ ба рӯи шаҳр манзил кард+.
[19] Ва он қитъаи заминро, ки дар он ҷо барои худ хайма барафрошта буд, аз дасти фарзандони Ҳамӯр, падари Шакем, ба сад сикка харид+.
[20] Ва қурбонгоҳе дар он ҷо бино кард, ва онро ба исми Худованд Худои Исроил хонд.

## Яъқуб маҳсули иштибоҳҳои худро мебардорад.

34 [1] Ва Дино, духтари Леё, ки ба Яъқуб зоида буд, барои дидани
духтарони он замин берун рафт.
[2] Ва Шакем, писари Ҳамӯри ҳиввӣ, ки амири он замин буд, ӯро
дид, ва ӯро гирифт, ва бо ӯ хобид, ва ба номӯси ӯ таҷовуз кард.
[3] Ва дилаш ба Дино, духтари Яъқуб баста шуда, ошиқи он духтар
гашт, ва суханони дилпазир ба он духтар гуфт.
[4] Ва Шакем ба падари худ Ҳамӯр гуфт: «Ин духтарро барои ман ба
занӣ бигир».
[5] Ва Яъқуб шунид, ки ба номӯси духтараш Дино таҷовуз
намудааст; вале азбаски писаронаш бо чорвои ӯ дар саҳро буданд,
Яъқуб то омадани онҳо хомӯш нишаст.
[6] Ва Ҳамӯр, падари Шакем, назди Яъқуб берун рафт, то ки бо ӯ
сухан гӯяд.
[7] Ва чун писарони Яъқуб аз саҳро омада, инро шуниданд, ин
мардон малул шуданд ва хеле ба хашм омаданд, зеро ки бо духтари
Яъқуб хобида, қабоҳате дар ҳаққи Исроил карда буд, ва ин кирдор
нораво буд+.
[8] Ва Ҳамӯр бо онҳо гап зада, гуфт: «Дили писарам Шакем шефтаи
духтари шумост, пас ӯро ба вай ба занӣ бидиҳед+.
[9] Ва бо мо қудову анда шуда, духтарони худро ба мо бидиҳед ва
духтарони моро барои худ бигиред.
[10] Ва бо мо ҳамнишин шавед, ва ин замин дар ихтиёри шумо
бошад; дар он бимонед, ва тиҷорат кунед, ва онро тасарруф намоед».
[11] Ва Шакем ба падар ва бародарони духтар гуфт: «Фақат дар
назари шумоён илтифот ёбам шудааст, ва он чи ба ман бигӯед, хоҳам
дод.
[12] Маҳр ва тӯҳфаҳои зиёде талаб кунед, ва он чи ба ман бигӯед,
хоҳам дод, фақат духтарро ба занӣ ба ман бидиҳед»+.
[13] Ва писарони Яъқуб ба ҷавоби Шакем ва падараш Ҳамӯр бо макр
сухан ронданд, зеро ки ба номӯси хоҳари онҳо Дино таҷовуз карда
буд.
[14] Ва ба онҳо гуфтанд: «Чунин корро карда наметавонем, ки
хоҳари худро ба шахси номахтун бидиҳем, зеро ки ин барои мо нанг
аст+.

15 Фақат бо он шарт ба шумо розигӣ медиҳем, ки мисли мо бошед,
ва тамоми наринаи худро хатна кунед.
16 Он гоҳ духтарони худро ба шумо бидиҳем ва духтарони шуморо
барои худ бигирем, ва бо шумо ҳамнишин гардида, як қавм шавем.
17 Вале агар ба мо гӯш надиҳед ва хатна накунед, духтари худро
гирифта, баромада меравем».
18 Ва суханони онҳо ба назари Ҳамӯр ва ба назари Шакем писари
Ҳамӯр писанд афтод.
19 Ва он ҷавон дар иҷрои ин кор таъхир накард; зеро ки духтари
Яъқубро дӯст медошт. Ва ӯ аз тамоми аҳли байти падараш
мӯҳтарамтар буд.
20 Ва Ҳамӯр ва писараш Шакем назди дарвозаи шаҳри худ омаданд
ва бо мардуми шаҳри худ гап зада, гуфтанд:
21 «Ин одамон бо мо сулҳандеш ҳастанд; бигзор онҳо дар ин замин
маскан гиранд ва дар он тиҷорат кунанд; ва инак, замини фарох дар
ихтиёри онҳост. Духтарони онҳоро ба занӣ бигирем, ва духтарони
худро ба онҳо бидиҳем.
22 Фақат бо чунин шарт онҳо розианд бо мо ҳамнишин гардида, як
қавм шаванд, ки ҳар наринаи мо низ хатна карда шавад, чунон ки
онҳо махтун мебошанд.
23 Оё рамаҳои онҳо, дороии онҳо, ва тамоми чорвои онҳо аз они
мо намешавад? Фақат ба онҳо розигӣ диҳем, ва онҳо бо мо ҳамнишин
хоҳанд шуд».
24 Ва ба суханони Ҳамӯр ва писараш Шакем ҳамаи касоне ки аз
дарвозаи шаҳри ӯ мебаромаданд, розӣ шуданд, ва ҳар наринаро
ҳамаи онҳое ки аз дарвозаи шаҳри ӯ мебаромаданд, хатна карданд.
25 Ва дар рӯзи сеюм, ҳангоме ки онҳо дардманд буданд, ду писари
Яъқуб, Шимъӯн ва Левӣ, бародарони Дино, ҳар яке шамшери худро
гирифта, далерона ба шаҳр ҳамла оварданд, ва ҳамаи мардонро
куштанд;
26 Ва Ҳамӯр ва писараш Шакемро ба дами шамшер куштанд, ва
Диноро аз хонаи Шакем гирифта, берун омаданд.
27 Писарони Яъқуб назди кушташудагон омаданд, ва шаҳрро тороҷ
карданд, зеро ки ба номӯси хоҳари онҳо таҷовуз карда буданд.
28 Гӯсфандони онҳоро, ва говони онҳоро, ва харони онҳоро, ва он
чи дар шаҳр ва он чи дар саҳро буд, гирифтанд.

[29] Ва тамоми сарвати онҳоро, ва ҳамаи кӯдакони онҳоро, ва
занони онҳоро асир карданд, ва он чи дар хонаҳо буд, тороҷ карданд.
[30] Ва Яъқуб ба Шимъӯн ва Левӣ гуфт: «Маро ба изтироб андохтед,
ва маро дар назари сокинони ин сарзамин, яъне канъониён ва
фариззиён, манфур гардондед. Ва одами ман камшумор аст, ва агар
бар зидди ман ҷамъ шуда, маро зарба зананд, ман бо аҳли байтам
маҳв гардам».
[31] Гуфтанд: «Магар равост, ки бо хоҳари мо мисли фоҳишае амал
кунад?»

## Яъқуб дар Байт-Ил. Ваъда аз нав барқарор шуд.

**35** [1] Ва Худо ба Яъқуб гуфт: «Бархоста, сӯи Байт-Ил равона шав,
ва он ҷо бинишин; ва он ҷо қурбонгоҳе бисоз барои Худо, ки
ҳангоми гурехтанат аз пеши бародарат Эсов бар ту зоҳир гардид»+.
[2] Ва Яъқуб ба аҳли байти худ ва ҳамаи касоне ки бо ӯ буданд, гуфт:
«Худоҳои бегонаро, ки дар миёни шумост, дур созед, ва худро покиза
кунед, ва либоси худро иваз намоед;
[3] Ва бархоста, сӯи Байт-Ил равона шавем, ва он ҷо ман қурбонгоҳе
бисозам барои Худо, ки маро дар рӯзи тангии ман иҷобат намуд, ва
дар роҳе ки рафтам, бо ман буд».
[4] Ва ҳамаи худоҳои бегонаро, ки дар дасташон буд, ва
гӯшвораҳоро, ки дар гӯшашон буд, ба Яъқуб доданд, ва Яъқуб онҳоро
зери дарахти булут, ки дар наздикии Шакем буд, гӯр кард+.
[5] Ва кӯч карданд. Ва ваҳми Худо бар шаҳрҳои гирду пеши онҳо
буд, ва банӣ-Яъқубро таъқиб накарданд.
[6] Ва Яъқуб ба Луз, ки дар замини Канъон аст, ва ҳамон Байт-Ил
бошад, расид; худи ӯ ва тамоми қавме ки бо ӯ буданд.
[7] Ва он ҷо қурбонгоҳе бино кард, ва он маконро Ил-Байт-Ил
номид, зеро ки дар он ҷо, ҳангоме ки аз пеши бародари худ гурехт,
бар ӯ Худо зоҳир гардида буд+.
[8] Ва Дебӯро, дояи Ривқо, мурд, ва дар домани Байт-Ил, зери
дарахти булут дафн карда шуд, ки онро булути гирья номид+.
[9] Вақте ки Яъқуб аз Фаддони Арам гашта меомад, Худо бар ӯ бори
дигар зоҳир гардид, ва ӯро баракат дод.
[10] Ва Худо ба ӯ гуфт:
«Номи ту Яъқуб аст,
аммо минбаъд номи ту Яъқуб хонда нашавад,
балки номи ту Исроил хоҳад буд».
Ва ӯро Исроил ном ниҳод+.
[11] Ва Худо ба ӯ гуфт:
«Ман Худои Қодир ҳастам;
борвар ва афзун шав;
халқ ва гурӯҳи халқҳо аз ту ба вуҷуд оянд,
ва подшоҳон аз камари ту бароянд+.
[12] Ва заминеро, ки ба Иброҳим ва Исҳоқ додаам,

ба ту хоҳам дод,
ва ба наслат баъд аз ту ин заминро хоҳам дод».
13 Ва Худо дар он ҷое ки бо ӯ сухан гуфт, аз пеши ӯ сууд кард.
14 Ва Яъқуб дар он ҷое ки Худо бо ӯ сухан гуфт, сутуне барпо
намуд, сутуне аз санг; ва ҳадияи рехтанӣ бар он рехт, ва равған бар
он рехт+.
15 Ва Яъқуб он маконро, ки Худо дар он ҷо бо ӯ сухан гуфт, Байт-Ил
ном ниҳод+.

## Таваллуд ёфтани Биньёмин ва вафоти Роҳел.

16 Ва аз Байт-Ил кӯч карданд; ва чун андак масофате монда буд, ки
ба Эфрот бирасанд, Роҳел зоид, ва дар зоиданаш душворӣ кашид.
17 Ва ҳангоме ки дар зоиданаш душворӣ мекашид, доя ба ӯ гуфт:
«Натарс, зеро ки ин низ бароят писар аст»+.
18 Ва дар вақти ҷон доданаш, зеро ки мурд, ӯро Бен-Ӯнӣ ном
ниҳод, вале падараш ӯро Биньёмин номид.
19 Ва Роҳел вафот ёфт, ва дар роҳи Эфрот, ки ҳамон Байт-Лаҳм
бошад, дафн карда шуд+.
20 Ва Яъқуб бар қабри ӯ сутуне гузошт, ки он то имрӯз сутуни
қабри Роҳел аст.
21 Ва Исроил кӯч кард, ва хаймаи худро дар он тарафи бурҷи Эдар
барафрошт.
22 Ва чунин воқеъ шуд, ки дар вақти иқомати Исроил дар он
сарзамин Реубен рафта, бо суррияи падари худ Билҳо хобид. Ва
Исроил инро шунид. Ва банӣ-Яъқуб дувоздаҳ нафар буданд+.
23 Писарони Леё: Реубен, нахустзодаи Яъқуб, Шимъӯн, Левӣ,
Яҳудо, Иссокор ва Забулун.
24 Писарони Роҳел: Юсуф ва Биньёмин.
25 Ва писарони Билҳо, канизи Роҳел: Дон ва Нафтолӣ.
26 Ва писарони Зилфо, канизи Леё: Ҷод ва Ошер. Инҳоянд писарони
Яъқуб, ки дар Фаддони Арам ба ӯ таваллуд шуданд.

## Вафоти Исҳоқ.

27 Ва Яъқуб назди падари худ Исҳоқ ба Мамре, ба Қирьяи Арбаъ, ки
ҳамон Ҳебрӯн бошад, омад, ки он ҷо Иброҳим ва Исҳоқ дар
мусофират буданд+.

28 Ва айёми Исҳоқ саду ҳаштод сол буд.
29 Ва Исҳоқ ҷон супурд ва мурд, ва пиру солхӯрда шуда, ба қавми
худ пайваст, ва писарони ӯ Эсов ва Яъқуб ӯро ба хок супурданд+.

## Насабномаи Эсов.

**36** 1 •Ин аст насаби Эсов, ки ҳамои Адӯм бошад+.
2 Эсов занони худро аз духтарони канъониён гирифт: Одо
духтари Элӯни ҳиттиро, Оҳалибомо духтари Ано, духтари Сибъӯни
ҳиввиро,
3 Ва Босмат духтари Исмоил, хоҳари Набойӯтро+.
4 Одо Алифозро ба Эсов зоид; Босмат Реуилро зоид.
5 Оҳалибомо Яуш, Яълом ва Қӯраҳро зоид. Инҳоянд писарони
Эсов, ки ба ӯ дар замини Канъон таваллуд шуданд.
6 Ва Эсов занони худ, ва писарони худ, ва духтарони худ, ва
тамоми аҳли байти худ, ва рамаҳои худ, ва тамоми чорвои худ, ва
тамоми дороии худро, ки дар замини Канъон пайдо карда буд,
гирифта, аз пеши бародари худ Яъқуб ба замини дигаре рафт,
7 Зеро ки дороии онҳо он қадар бисьёр буд, ки наметавонистанд
якҷоя иқомат кунанд, ва замини мусофираташон ба сабаби бисьёрии
чорвояшон онҳоро гунҷоиш дода наметавонист.
8 Ва Эсов дар кӯҳи Сеир маскан гирифт, ки Эсов ҳамон Адӯм
бошад.
9 Ва ин аст насаби Эсов, падари адӯмиён, дар кӯҳи Сеир.
10 Ин аст номҳои писарони Эсов: Алифоз, писари Одо, зани Эсов, ва
Реуил, писари Босмат, зани Эсов.
11 Ва писарони Алифоз Темон, Ӯмор, Сафӯ, Ҷаътом ва Қеназ
буданд.
12 Ва Тимнаъ суррияи Алифоз, писари Эсов буд, ва Амолеқро ба
Алифоз зоид. Инҳоянд писарони Одо, зани Эсов+.
13 Инҳоянд писарони Реуил: Наҳат, Зараҳ, Шаммо ва Миззо. Инҳо
писарони Босмат, зани Эсов буданд.
14 Ва инҳо писарони Оҳалибомо, духтари Ано, духтари Сибъӯн,
зани Эсов буданд, ки вай Яуш, Яълом ва Қӯраҳро ба Эсов зоид.
15 Инҳоянд умарои писарони Эсов. Писарони Алифоз, нахустзодаи
Эсов: амир Темон, амир Ӯмор, амир Сафӯ, амир Қеназ,
16 Амир Қӯраҳ, амир Ҷаътом, амир Амолеқ. Инҳоянд умарои
Алифоз дар замини Адӯм; инҳоянд писарони Одо.

[17] Инҳоянд писарони Реуил, писари Эсов: амир Наҳат, амир Зараҳ,
амир Шаммо, амир Миззо. Инҳоянд умарои Реуил дар замини Адӯм;
инҳоянд писарони Босмат, зани Эсов.
[18] Инҳоянд писарони Оҳалибомо, зани Эсов: амир Яуш, амир
Яълом, амир Қӯраҳ. Инҳоянд умарои Оҳалибомо, духтари Ано, зани
Эсов.
[19] Инҳоянд писарони Эсов, ва инҳоянд умарои онҳо. Ин Адӯм аст.

[20] •Инҳоянд писарони Сеири ҳӯрӣ, ки дар он сарзамин иқомат
доштанд: Лӯтон, Шӯбол, Сибъӯн, Ано,+
[21] Дишӯн, Эсар ва Дишан. Инҳоянд умарои ҳӯриён, писарони Сеир,
дар замини Адӯм.
[22] Ва писарони Лӯтон Ҳӯрӣ ва Ҳемом буданд, ва хоҳари Лӯтон
Тимнаъ буд.
[23] Инҳоянд писарони Шӯбол: Алвон, Монаҳат, Эбол, Шафӯ ва Ӯном.
[24] Инҳоянд писарони Сибъӯн: Аё ва Ано; ҳамон Ано, ки ҳангоми
чаронидани харони падари худ Сибъӯн дар биёбон чашмаҳои оби
гармро ёфт.
[25] Инҳоянд фарзандони Ано: Дишан ва Оҳалибомо, духтари Ано.
[26] Инҳоянд писарони Дишӯн: Ҳамдон, Ашбон, Итрон ва Карон.
[27] Инҳоянд писарони Эсар: Билҳон, Заъвон ва Акон.
[28] Инҳоянд писарони Дишан: Ус ва Арон.
[29] Инҳоянд умарои ҳӯриён: амир Лӯтон, амир Шӯбол, амир
Сибъӯн, амир Ано,
[30] Амир Дишӯн, амир Эсар, амир Дишан. Инҳоянд умарои ҳӯриён
бар ҳасби умарои онҳо дар замини Сеир.

[31] •Инҳоянд подшоҳоне ки дар замини Адӯм подшоҳӣ кардаанд
пеш аз он ки подшоҳе дар банӣ-Исроил подшоҳӣ кунад:
[32] Балаъ ибни Баӯр дар Адӯм подшоҳӣ кард, ва номи шаҳри ӯ
Динҳоба буд.
[33] Ва Балаъ мурд, ва дар ҷояш Йӯбоб ибни Зараҳ аз Басра подшоҳӣ
кард+.
[34] Ва Йӯбоб мурд, ва дар ҷояш Ҳӯшом аз замини темониён
подшоҳӣ кард+.
[35] Ва Ҳӯшом мурд, ва дар ҷояш Ҳадад ибни Бадад, ки дар саҳрои
Мӯоб Мидьёнро шикаст дод, подшоҳӣ кард, ва номи шаҳри ӯ Авит

буд.
36 Ва Ҳадад мурд, ва дар ҷояш Самло аз Масреқо подшоҳӣ кард.
37 Ва Самло мурд, ва дар ҷояш Шоул аз Раҳӯбӯти лаби наҳр
подшоҳӣ кард.
38 Ва Шоул мурд, ва дар ҷояш Баал-Ҳонон ибни Акбӯр подшоҳӣ
кард.
39 Ва Баал-Ҳонон ибни Акбӯр мурд, ва дар ҷояш Ҳадар подшоҳӣ
кард, ва номи шаҳраш Фоу буд, ва номи занаш Маҳетабъил духтари
Матрад, духтари Мезоҳоб буд.
40 Ва ин аст номҳои умарои Эсов бар ҳасби қабилаҳои онҳо ва
маконҳои онҳо ва номҳои онҳо: амир Тимнаъ, амир Алво, амир
Ятет,+
41 Амир Оҳалибомо, амир Эло, амир Финӯн,
42 Амир Қеназ, амир Темон, амир Мибсор,
43 Амир Маҷдиил, амир Иром. Инҳоянд умарои Адӯм, бар ҳасби
маскани онҳо, дар замини тасарруфи онҳо. Ин аст Эсов, падари
адӯмиён.

## Яъқуб ва хонаводаи ӯ.

37
[1] Ва Яъқуб дар замини мусофирати падари худ, дар замини
Канъон маскан гирифт.
[2] Ин аст насаби Яъқуб. Юсуф, дар синни ҳафдаҳсолагӣ, бо
бародарони худ чорво мечаронид, ва ин навҷавон бо писарони Билҳо
ва бо писарони Зилфо, занони падараш, буд. Ва Юсуф рафтори бади
онҳоро ба падарашон хабар медод.
[3] Ва Исроил Юсуфро аз ҳамаи писарони худ зиёдтар дӯст медошт,
чунки ӯ писари пиронсолагиаш буд; ва барои ӯ куртаи рангин кард.
[4] Ва чун бародаронаш диданд, ки падарашон ӯро аз ҳамаи
бародаронаш зиёдтар дӯст медорад, аз ӯ нафрат карданд, ва бо ӯ
осуда сухан гуфта наметавонистанд.
[5] Ва Юсуф хобе дида, онро ба бародарони худ нақл кард; ва онҳо
боз зиёдтар аз ӯ нафрат карданд.
[6] Ба онҳо гуфт: «Хоберо, ки дидаам, бишнавед:
[7] Инак, мо дар киштзор бандҳо мебастем; ва инак, банди ман
бархост ва рост истод; ва инак, бандҳои шумо гирд омада, ба банди
ман саҷда карданд».

## Бародарон аз Юсуф нафрат доранд ва ӯро ба ғуломӣ фурӯхтанд.

[8] Бародаронаш ба ӯ гуфтанд: «Наход ки бар мо подшоҳӣ мекарда
бошӣ? Наход ки бар мо ҳукмфармо мешуда бошӣ?» Ва барои хобҳо ва
суханонаш боз ҳам зиёдтар аз ӯ нафрат карданд.
[9] Ва ӯ боз хоби дигаре дид, ва онро ба бародарони худ нақл карда,
гуфт: «Инак, боз хобе дидам, ва инак, офтоб ва моҳ ва ёздаҳ
ситорагон ба ман саҷда карданд».
[10] Ва ӯ ба падар ва бародарони худ нақл кард; ва падараш ӯро
мазаммат намуда, гуфт: «Ин чӣ хобест, ки дидаӣ? Наход ки ман, ва
модарат, ва бародаронат омада, ба ту то замин саҷда мекарда
бошем?»
[11] Бародаронаш ба ӯ ҳасад бурданд; ва падараш инро дар хотир
нигоҳ дошт.
[12] Бародаронаш барои чаронидани чорвои падарашон ба Шакем
рафтанд.

13 Ва Исроил ба Юсуф гуфт: «Магар бародаронат дар Шакем
намечаронанд? Биё, то ки туро назди онҳо бифиристам». Ба ӯ гуфт:
«Лаббай!»+
14 Ва ба ӯ гуфт: «Бирав ва саломатии бародаронат ва саломатии
чорворо бубин, ва ба ман хабар биёр». Ӯро аз водии Ҳебрӯн
фиристод, ва ӯ ба Шакем омад+.
15 Ва шахсе ӯро дид, ки дар саҳро овора шуда гаштааст; ва он шахс
аз ӯ пурсида, гуфт: «Чӣ меҷӯӣ?»
16 Гуфт: «Ман бародарони худро меҷӯям; хоҳишмандам, ба ман
бигӯй, ки онҳо дар куҷо мечаронанд?»
17 Ва он шахс гуфт: «Аз ин ҷо баромада рафтанд; зеро шунидам, ки
мегуфтанд: „Ба Дӯтон меравем“». Ва Юсуф аз ақиби бародарони худ
рафта, онҳоро дар Дӯтон ёфт+.
18 Вале онҳо ӯро аз дур диданд, ва пеш аз он ки ба онҳо наздик ояд,
қасд карданд, ки ӯро бикушанд.
19 Ва ба яқдигар гуфтанд: «Инак, соҳиби хобҳо ба ин ҷо меояд;
20 Акнун биёед, ӯро бикушем ва ба яке аз ин чоҳҳо биафканем, ва
гӯем, ки ҳайвони даррандае ӯро хӯрдааст; ва бубинем, ки хобҳояш чӣ
мешавад».
21 Вале Реубен инро шунида, ӯро аз дасти онҳо раҳо кард, ва гуфт:
«Ӯро накушем!»
22 Ва Реубен ба онҳо гуфт: «Хун нарезед; ӯро ба ин чоҳе ки дар
биёбон аст, биафканед, ва дасти тааддӣ бар ӯ дароз накунед». Мехост,
ки ӯро аз дасти онҳо раҳонида, назди падари худ гардонда
фиристонад.
23 Вақте ки Юсуф назди бародарони худ расид, куртаи Юсуфро, он
куртаи рангинро, ки дар бар дошт, кашиданд,
24 Ва ӯро гирифта, дар чоҳ афканданд; вале чоҳ холӣ буд: об
надошт+.
25 Ва барои нон хӯрдан нишастанд, ва чашм андохта, диданд, ки
инак, корвони исмоилиён аз Ҷилъод меоянд, ва шутурони онҳо
атриёт, баласон ва лодан мекашонанд; мераванд, то ки онро ба Миср
бибаранд.
26 Ва Яҳудо ба бародарони худ гуфт: «Чӣ суд аст аз он ки бародари
худро бикушем ва хунашро махфӣ дорем?

27 Биёед, ӯро ба исмоилиён бифрӯшем, ва дасти мо бар ӯ набошад;
зеро ки ӯ бародар ва гӯшти мост». Бародаронаш гапи ӯро гӯш
карданд+.
28 Ва ҳангоме ки тоҷирони мидьёнӣ аз пеши онҳо мегузаштанд,
Юсуфро аз чоҳ кашида баровард582, ва Юсуфро ба исмоилиён ба бист
сиккаи нуқра фурӯхтанд; ва Юсуфро ба Миср бурданд.
29 Ва Реубен ба сари чоҳ баргашт; ва инак, Юсуф дар чоҳ нест. Ва
ҷомаи худро чок зад,
30 Ва назди бародарони худ баргашт, ва гуфт: «Бача нест, ва ман
куҷо биравам?»
31 Ва куртаи Юсуфро гирифтанд, ва нарбузеро кушта, куртаро ба
хун олуда карданд;
32 Ва куртаи рангинро фиристоданд, ва ба падари худ расонида,
гуфтанд: «Инро ёфтем; бишнос, ки оё куртаи писари туст ё не».
33 Ва онро шинохта, гуфт: «Куртаи писари ман аст! Ҳайвони
даррандае ӯро хӯрдааст! Яқинан Юсуф дарида шудааст!»
34 Ва Яъқуб либоси худро чок зада, палос дар бар кард, ва рӯзҳои
бисьёр барои писари худ мотам гирифт+.
35 Ва ҳамаи писаронаш ва духтаронаш ҷамъ омаданд, то ки ӯро
тасаллӣ диханд; вале ӯ тасаллиро қабул намекард, ва мегуфт: «Бо
мотам назди писари худ ба гӯр меравам». Ва падараш барои ӯ
мегирист.
36 Ва мидьёниён Юсуфро дар Миср ба Фӯтифар, ки дарбории
фиръавн, сардори посбонон буд, фурӯхтанд.

## Гуноҳи Яҳудо.

**38** 1 Ва воқеъ шуд дар он замон, ки Яҳудо аз пеши бародарони худ рафта, назди шахси адӯломӣ, ки Ҳиро ном дошт, меҳмон шуд.

2 Ва дар он ҷо Яҳудо духтари марди канъониро, ки Шуа ном дошт, дид; варо ба занӣ гирифт, ва бо вай хобид.

3 Вай ҳомила шуда, писаре зоид; ва ӯро Эр ном ниҳод.

4 Ва боз ҳомила шуда, писаре зоид; ва ӯро Ӯнон ном ниҳод.

5 Ва боз писаре зоид, ва ӯро Шело ном ниҳод. Дар вақти таваллуди ӯ Яҳудо дар Казиб буд.

6 Ва Яҳудо ба нахустзодаи худ Эр зане гирифт, ки номаш Томор буд.

7 Ва нахустзодаи Яҳудо, Эр, дар назари Худованд бад буд, ва Худованд ӯро миронид.

8 Ва Яҳудо ба Ӯнон гуфт: «Бо зани бародарат бихоб ва ҳамчун додаршӯй варо ба занӣ гирифта, насле барои бародари худ ба вуҷуд овар»+.

9 Вале Ӯнон медонист, ки он насл аз они ӯ нахоҳад буд; бинобар ин, ҳар гоҳ, ки назди зани бародараш мехобид, манӣ ба замин мерехт, то ки насле барои бародари худ надиҳад.

10 Ва ин кори ӯ дар назари Худованд бад намуд; ӯро низ миронид.

11 Ва Яҳудо ба келини худ Томор гуфт: «Дар хонаи падари худ бева бинишин то даме ки писарам Шело калон шавад». Зеро гуфт: «Мабодо ӯ низ мисли бародаронаш бимирад». Ва Томор рафта, дар хонаи падари худ бимонд.

12 Вақти бисьёре гузашт, ва духтари Шуа, зани Яҳудо, мурд. Ва Яҳудо, баъд аз он ки тасаллӣ ёфт, бо дӯсти худ Ҳирои адӯломӣ назди пашм бу рони рамаи худ ба Тимно рафт.

13 Ва ба Томор хабар дода, гуфтанд: «Инак, падаршӯят барои буридани пашми рамаи худ ба Тимно меравад».

14 Ва либоси бевагии худро кашида, ба сари худ чодаре партофт, ва рӯяшро пӯшида, назди дарвозаи Энаим, ки дар сари роҳи Тимно мебошад, нишаст; зеро дид, ки Шело калон шудааст, ва ӯро ба вай ба занӣ надоданд.

15 Ва ӯро Яҳудо бидид, ва ӯро фоҳиша гумон кард, зеро ки он зан
рӯи худро пӯшида буд.
16 Ва аз роҳ ба тарафи ӯ гашта, гуфт: «Биё, бо ту бихобам». Зеро
надонист, ки келини ӯст. Гуфт: «Ба ман чӣ медиҳӣ, агар бо ман
бихобӣ?»
17 Гуфт: «Бузғолае аз рама мефиристам». Гуфт: «Оё то вақти
фиристоданат гарави медиҳӣ?»
18 Гуфт: «Ба ту чӣ гарав диҳам?» Гуфт: «Мӯҳр ва зуннори худро, ва
асое ки дар даст дорӣ». Ва ба ӯ дод, ва бо ӯ хобид; ва ӯ аз вай ҳомила
шуд.
19 Ва бархоста, бирафт, ва чодарро аз сари худ кашида, либоси
бевагии худро пӯшид.
20 Ва Яҳудо бузғоларо ба воситаи дӯсти адӯломии худ фиристод,
то ки гаравро аз дасти он зан бигирад; вале ӯро наёфт.
21 Ва аз мардуми он мавзеъ пурсида, гуфт: «Он фоҳишае ки дар
сари роҳи Энаим нишаста буд, куҷост?» Гуфтанд: «Фоҳишае дар ин ҷо
набуд».
22 Ва назди Яҳудо баргашта, гуфт: «Ӯро наёфтам; ва мардуми он
мавзеъ низ гуфтанд, ки фоҳишае дар ин ҷо набуд».
23 Ва Яҳудо гуфт: «Бигзор барои худ нигоҳ дорад, мабодо расво
шавем; инак, ин бузғоларо фиристодам; вале ту ӯро наёфтӣ».
24 Ва баъд аз гузаштани қариб се моҳ ба Яҳудо хабар дода, гуфтанд:
«Келинат Томор зино кардааст, ва инак, аз зино низ ҳомила
шудааст». Ва Яҳудо гуфт: «Ӯро берун оред, то ки сӯзонида шавад»+.
25 Вақте ки ӯро берун оварданд, ӯ назди падаршӯи худ фиристода,
гуфт: «Ман аз соҳиби ин чизҳо ҳомила шудаам». Ва гуфт: «Бишнос,
ки ин мӯҳр ва зуннор ва асо аз они кист».
26 Ва Яҳудо шинохта, гуфт: «Ҳақ ба ҷониби ӯст, чунки ӯро ба
писари худ Шело надодам». Вале дигар ҳаргиз бо ӯ нахобид+.
27 Дар вақти зоиданаш маълум шуд, ки дар батнаш экизак аст.
28 Ва ҳангоме ки мезоид, яке дасти худро берун овард; ва доя
риштаи қирмизӣ гирифта, бар дасташ баст, ва гуфт: «Ин аввал берун
омад».
29 Вале дасташро боз кашид; ва инак, бародараш берун омад. Ва доя
гуфт: «Чӣ гуна рахнае барои худ кушодай!» Ва ӯро Форас ном
ниҳоданд.

[30] Сонӣ бародари ӯ, ки бар дасташ риштаи қирмизӣ буд, берун
омад, ва ӯро Зораҳ номиданд.

## Юсуф назди Фӯтифар. Озмоиш ва зиндон.

**39** 1 Ва Юсуфро ба Миср бурданд; ва ӯро Фӯтифар ном марди мисрӣ, ки дарбории фиръавн, сардори посбонон буд, аз дасти исмоилиёне ки ӯро ба он ҷо бурда буданд, харид+.

2 Ва Худованд бо Юсуф буд; ва ӯ марди комьёб шуд, ва дар хонаи оғои мисрии худ бимонд.

3 Ва оғояш дид, ки Худованд бо ӯст, ва ҳар он чи ӯ мекунад, Худованд дар дасти ӯ муваффақият меоварад.

4 Ва Юсуф дар назари вай илтифот ёфт, ва ба вай хизмат мекард. Ва ӯро ба хонаи худ баргумошт, ва тамоми дороии худро ба дасти ӯ дод.

5 Ва аз ҳамон вақте ки ӯро ба хонаи худ ва ба тамоми дороии худ баргумошт, Худованд хонаи он мисриро барои хотири Юсуф баракат дод, ва баракати Худованд бар ҳамаи дороии вай чи дар хона, чи дар саҳро буд.

6 Ва ҳар он чи дошт, ба дасти Юсуф вогузошт; ва аз он чи бо ӯ буд, ҳеҷ хабар надошт, ҷуз ноне ки мехӯрд. Ва Юсуф хушандом ва хушрӯй буд.

7 Ва баъд аз ин ҳодисот чунин воқеъ шуд, ки зани оғояш бар Юсуф чашм андохта, гуфт: «Бо ман бихоб».

8 Вале ӯ розӣ нашуда, ба зани оғои худ гуфт: «Инак, оғои ман аз он чи бо ман дар хона аст, хабар надорад, ва ҳар он чи дорад, ба дасти ман додааст;

9 Аз ман калонтаре дар ин хона нест; ва ӯ ҳеҷ чизе аз ман дареғ надоштааст, ҷуз ту, чунки ту зани ӯ ҳастӣ; пас чӣ гуна ин бадкирдории бузургро содир кунам ва дар назди Худо гуноҳкор шавам?»+

10 Ва агарчи вай ҳаррӯза ба Юсуф сухан мегуфт, ки бо вай бихобад ва назди вай бошад, ӯ гапи варо гӯш намекард.

11 Ва рӯзе воқеъ шуд, ки ӯ ба хона даромад, то ки бо кори худ машғул шавад, аммо аз аҳли хона касе он ҷо, дар хона набуд;

12 Вай ӯро аз ҷомааш дошта, гуфт: «Бо ман бихоб». Вале ӯ ҷомаи худро дар дасти вай монда, давид ва берун рафт.

13 Чун зан дид, ки Юсуф ҷомаи худро дар дасти вай монд ва давида, берун рафт,

14 Аҳли хонаашро фарьёд карда, гуфт: «Бубинед, марди ибриро
назди мо овард, то ки моро масхара кунад. Ӯ назди ман омад, то ки
бо ман бихобад; лекин ман бо овози баланд фарьёд задам;
15 Ва чун шунид, ки ман овози худро баланд карда, фарьёд задам,
ҷомаашро пеши ман монд ва давида, берун рафт»+.
16 Ва ҷомаи ӯро назди худ нигоҳ дошт то вақте ки оғояш ба хона
омад.
17 Ва ба вай ҳамон суханонро такрор карда, гуфт: «Он ғуломи ибрӣ,
ки ба мо овардӣ, назди ман омад, то ки маро масхара кунад;
18 Ва чун овози худро баланд карда, фарьёд задам, ҷомаи худро
пеши ман монд ва гурехта, берун рафт».
19 Вақте ки оғояш суханони зани худро шунид, ки ба ӯ нақл карда,
гуфт: «Ғуломат ба ман чунин рафтор кард», ӯ ба ғазаб омад;
20 Ва оғои Юсуф ӯро гирифта, дар зиндоне андохт, ки дар он ҷо
маҳбусони подшоҳ буданд. Ва он ҷо ӯ дар зиндон буд.
21 Ва Худованд бо Юсуф буд, ва ба ӯ эҳсон мекард, ва ӯро дар
назари сардори зиндон илтифот бахшид+.
22 Ва сардори зиндон ҳамаи маҳбусонеро, ки дар зиндон буданд,
ба дасти Юсуф дод, ва ҳар коре ки дар он ҷо мекарданд, ӯ
идоракунандаи он буд.
23 Сардори зиндон ба ҳеҷ як чизе ки дар дасти Юсуф буд, нигоҳ
намекард: чунки Худованд бо ӯ буд, ва дар ҳар кори ӯ Худованд
муваффақият меовард.

## Соқӣ ва нонвой дар зиндон.

40 [1] Баъд аз ин ҳодисот чунин воқеъ шуд, ки соқии подшоҳи
Миср ва нонвой пеши оғои худ подшоҳи Миср хато карданд.
[2] Ва фиръавн ба ду дарбории худ: ба сарсоқӣ ва ба сарнонвой хашм
гирифт.
[3] Ва онҳоро дар хонаи сардори посбонон, дар зиндоне ки Юсуф он
ҷо бандӣ буд, андохт.
[4] Сардори посбонон Юсуфро бар онҳо баргумошт, ва ӯ ба онҳо
хизмат мекард. Ва муддате онҳо дар ҳабс буданд.
[5] Ва соқӣ ва нонвои подшоҳи Миср, ки дар зиндон бандӣ буданд,
ҳар ду дар як шаб хоб диданд, ҳар яке мувофиқи таъбири хоби худ
хоб диданд+.
[6] Ва бомдодон Юсуф назди онҳо омада, дид, ки инак, онҳо бедимоғ
ҳастанд.
[7] Ва аз дарбориёни фиръавн, ки бо ӯ дар хонаи оғояш буданд,
пурсида, гуфт: «Чаро имрӯз чеҳраи шумо ғамгин аст?»
[8] Ба ӯ гуфтанд: «Хобе дидем, ва касе нест, ки онро таъбир кунад».
Ва Юсуф ба онҳо гуфт: «Оё таъбирҳо аз Худо нест? Ба ман нақл
кунед»+.
[9] Ва сарсоқӣ хоби худро ба Юсуф нақл карда, гуфт: «Хоб дидам, ки
инак, токе пеши ман буд;
[10] Ва ток се шоха дошт; ва он бишукуфт, ва ғӯра баст, ва шингилҳои
ангураш пухт.
[11] Ва ҷоми фиръавн дар дастам буд, ва ангурҳоро гирифта, дар
ҷоми фиръавн фушурдам, ва ҷомро ба дасти фиръавн додам».
[12] Ва Юсуф ба вай гуфт: «Таъбираш ин аст: се шоха се рӯз аст.
[13] Баъд аз се рӯз фиръавн саратро барафрозад ва ба мансабат
баргардонад, ва ҷоми фиръавнро ба дасти вай хоҳӣ дод, ба тариқи
пештара, ки соқии ӯ будӣ.
[14] Вақте ки аҳволи ту некӯ шавад, маро ёд кун; ва ба ман эҳсон
фармуда, маро назди фиръавн зикр намо, ва маро аз ин хона берун
овар.
[15] Зеро ки ман аз замини ибриён дуздида шудаам; ва ин ҷо низ ҳеҷ
коре накардаам, ки маро дар зиндон андозанд».

[16] Ва чун сарнонвой дид, ки некӯ таъбир кард, ба Юсуф гуфт: «Ман
низ хоб дидам, ки инак, се сабад кулча бар сари ман аст;
[17] Ва дар сабади болоӣ ҳар гуна хӯрок барои фиръавн аз ҳунари
нонвой мебошад; вале мурғон онҳоро аз сабаде ки бар сари ман аст,
мехӯранд».
[18] Ва Юсуф ба ҷавоб гуфт: «Таъбираш ин аст: се сабад се рӯз аст;
[19] Баъд аз се рӯз фиръавн сари туро аз танат ҷудо кунад, ва туро
бар дарахте овезад; ва мурғон гӯшти баданатро бихӯранд».
[20] Дар рӯзи сеюм, ки рӯзи таваллуди фиръавн буд, ӯ зиёфате барои
тамоми чокарони худ орост, ва дар миёни чокарони худ сарсоқӣ ва
сарнонвойро ҳозир кард+.
[21] Ва сарсоқиро ба мансаби ӯ баргардонид, ва ӯ ҷомро ба дасти
фиръавн дод.
[22] Вале сарнонвойро ба дор кашид, чунон ки Юсуф ба онҳо таъбир
карда буд+.
[23] Ва сарсоқӣ Юсуфро ба ёд наовард, балки ӯро фаромӯш кард.

## Хоби фиръавн.

41 [1] Ва воқеъ шуд баъд аз гузаштани ду сол, ки фиръавн хобе
дид: инак, ӯ дар канори наҳри Нил истодааст.
[2] Ва инак, аз наҳр ҳафт модагови хубсурат ва фарбеҳ баромаданд,
ва дар чаманзор чаридан гирифтанд.
[3] Ва инак, аз паси онҳо хафт модагови дигари бадсурат ва лоғар аз
наҳр баромаданд, ва дар паҳлуи он модаговон дар соҳили наҳр
биистоданд.
[4] Ва ин модаговони бадсурат ва лоғар ҳафт модагови хубсурат ва
фарбеҳро хӯрданд. Ва фиръавн бедор шуд.
[5] Ва боз хобаш бурд, ва дуюмбора хобе дид: инак, ҳафт хӯшаи
солим ва некӯ дар як поя сабзида баромаданд.
[6] Ва инак, ҳафт хӯшаи холӣ ва аз боди шарқӣ хушкшуда аз паи
онҳо рӯиданд.
[7] Ва ин хӯшаҳои холӣ ҳафт хӯшаи солим ва пурборро фурӯ
бурданд. Ва фиръавн бедор шуд, ва ин буд хобаш.
[8] Субҳгоҳон хотираш мушавваш шуд, ва кас фиристода, ҳамаи
соҳирони Мисрро, ва ҳамаи ҳакимони онро даъват намуд, ва
фиръавн ба онҳо хоби худро нақл кард, вале касе набуд, ки онро ба
фиръавн таъбир кунад+.
[9] Ва сарсоқӣ ба фиръавн арз намуда, гуфт: «Хатоҳои ман имрӯз ба
хотирам омад.
[10] Фиръавн ба чокарони худ хашм гирифта, маро ва сарнонвойро
дар хонаи сардори посбонон бандӣ карда буд.
[11] Ва ман ва ӯ дар як шаб хобе дидем, ҳар яке мувофиқи таъбири
хоби худ хоб дидем.
[12] Ва он ҷо ҷавони ибрӣ, ғуломи сардори посбонон, бо мо буд, ва
хобҳои худро ба ӯ нақл кардем, ва ӯ онҳоро ба мо таъбир кард, ба ҳар
яке мувофиқи хобаш таъбир кард+.
[13] Ва чӣ тавре ки ба мо таъбир кард, ҳамон тавр воқеъ шуд: ман ба
мансаби худ баргардонида шудам, ва он дигаре ба дор кашида шуд».

## Юсуф дар Миср ба бузургӣ расид.

[14] Ва фиръавн кас фиристода, Юсуфро даъват намуд; ва ӯро зуд аз
зиндон баровarданд. Ва ӯ мӯйсару риши худро тарошида ва либоси

худро иваз карда, назди фиръавн омад.
15 Ва фиръавн ба Юсуф гуфт: «Хобе дидам, ва касе нест, ки онро
таъбир кунад, ва дар бораи ту шунидам, ки хобро фаҳмида, таъбир
мекунӣ».
16 Ва Юсуф ба ҷавоби фиръавн гуфт: «Ин аз ман нест; Худо ба
саломатии фиръавн ҷавоб хоҳад дод»+.
17 Ва фиръавн ба Юсуф гуфт: «Дар хоби худ дидам, ки инак, дар
соҳили наҳри Нил истодаам.
18 Ва инак, аз наҳр ҳафт модагови фарбеҳ ва хубсурат баромаданд;
ва дар чаманзор чаридаи гирифтанд.
19 Ва инак, аз паси онҳо ҳафт модагови дигари лоғарандом ва хеле
бадсурат ва камгӯшт баромаданд, ки дар тамоми замини Миср ба
зиштӣ мисли онҳо надидаам.
20 Ва ин модагововни лоғар ва бадсурат ҳафт модагови фарбеҳи
аввалро хӯрданд.
21 Ва чун ба шиками онҳо даромаданд, маълум нашуд, ки ба
шиками онҳо даромадаанд. Ва сурати онҳо мисли аввала зишт буд.
Ва ман бедор шудам.
22 Ва боз хоб дидам, ки инак, ҳафт хӯшаи пурбор ва некӯ дар як поя
сабзида баромаданд.
23 Ва инак, ҳафт хӯшаи борик, холӣ ва аз боди шарқӣ хушкшуда аз
паси онҳо рӯиданд.
24 Ва ин хӯшаҳои холӣ ҳафт хӯшаи некӯро фурӯ бурданд. Ва ман ба
соҳирон гуфтам, вале касе нест, ки ба ман шарҳ диҳад».
25 Ва Юсуф ба фиръавн гуфт: «Хоби фиръавн якест: он чи Худо
карданист, ба фиръавн хабар додааст.
26 Ҳафт модагови некӯ ҳафт сол аст; ва ҳафт хӯшаи некӯ ҳафт сол
аст; хоб якест.
27 Ва ҳафт модагови лоғар ва зишт, ки аз паси онҳо баромадаанд,
ҳафт сол аст, ва ҳафт хӯшаи холии аз боди шарқӣ хушкшуда ҳафт
соли қаҳтӣ мебошад.
28 Аз ҳамин сабаб он суханро ба фиръавн гуфтам: он чи Худо
карданист, ба фиръавн зоҳир сохтааст.
29 Инак, ҳафт соли фаровонии бузург дар тамоми замини Миср
фаро мерасад.

30 Вале баъд аз онҳо ҳафт соли қаҳтӣ меояд; ва тамоми он
фаровонӣ дар замини Миср фаромӯш мешавад, ва қаҳтӣ заминро
табоҳ мекунад+.
31 Ва фаровонӣ дар замин маълум намешавад, ба сабаби қаҳтие ки
аз паси он меояд, зеро ки он бағоят сахт хоҳад буд.
32 Ва ба фиръавн ду бор такрор шудани ин хоб далели он аст, ки ин
чиз ҳақиқатан аз ҷониби Худост, ва Худо онро ба зудӣ ба амал хоҳад
овард.
33 Ва акнун бигзор фиръавн марди оқил ва ҳакимро пайдо кунад,
ва ӯро бар замини Миср бигуморад.
34 Фиръавн чунин бикунад, ва нозиронро бар замин таъин намояд,
ва дар ҳафт соли фаровонӣ панҷьяк аз замини Миср бигирад.
35 Ва бигзор хӯроквории ин солҳои некӯро, ки меоянд, ҷамъ
оваранд, ва ғалларо зери дасти фиръавн захира кунанд, ва дар
шаҳрҳо хӯрокворӣ нигоҳ доранд.
36 Ва ин хӯрокворӣ барои замин ба ҳафт соли қаҳтие ки дар
замини Миср фаро мерасад, захира шавад, то ки замин аз қаҳтӣ
табоҳ нагардад».
37 Ин сухан ба назари фиръавн ва ба назари ҳамаи чокаронаш
писанд афтод.
38 Ва фиръавн ба чокарони худ гуфт: «Оё касеро мисли ин мард
ёфта метавонем, ки Рӯҳи Худо дар ӯст?»+
39 Ва фиръавн ба Юсуф гуфт: «Азбаски Худо тамоми ин нуктаро ба
ту маълум кардааст, касе мисли ту оқил ва ҳаким нест;
40 Ту бар хонаи ман бош, ва тамоми қавми ман каломи туро риоя
кунанд; ман фақат дар хусуси тахт аз ту бузургтар бошам»+.
41 Ва фиръавн ба Юсуф гуфт: «Бидон, ки туро бар тамоми замини
Миср баргумоштам».
42 Ва фиръавн нигини худро аз дасти худ кашид, ва онро ба дасти
Юсуф пӯшонид; ва ӯро ба либоси катони нозук ороста кард, ва тавқи
тилло бар гарданаш овехт;+
43 Ва ӯро ба аробаи дуюмини худ савор кунонид, ва пешопеши ӯ
нидо мекарданд: «Зону занед!» Ва ӯро бар тамоми замини Миср
баргумошт.
44 Ва фиръавн ба Юсуф гуфт: «Ман фиръавн ҳастам, вале бидуни
фармони ту ҳеҷ кас даст ё пои худро дар тамоми замини Миср

баланд накунад».

## Юсуф духтари бутпарастро ба занӣ гирифт. Хоби фиръавн ба амал меояд.

45 Ва фиръавн Юсуфро Софнат-фаънеаҳ номид, ва Оснат, духтари
Фӯтифараъ, коҳини Ӯнро ба ӯ ба занӣ дод. Ва Юсуф сар то сари
замини Миср сафар кард+.
46 Ва Юсуф сисола буд, вақте ки пеши фиръавн, подшоҳи Миср,
биистод, ва Юсуф аз пеши фиръавн берун рафта, тамоми замини
Мисрро тай намуд.
47 Ва замин дар ҳафт соли фаровонӣ аз ҳар донае миқдори бисьёр
ҳосил овард.
48 Ва ӯ тамоми хӯроквории ҳафт солро, ки дар замини Миср рӯида
буд, ҷамъ овард, ва хӯрокворииро дар шаҳрҳо захира кард; ва
хӯроквории киштзори гирду пеши ҳар шаҳрро дар дохили он гузошт.
49 Ва Юсуф ғалладонаи зиёде мисли реги дарьё захира кард, то ба
дараҷае ки аз ҳисоб кардан бозмонд; зеро ки аз ҳисоб берун буд.
50 Ва пеш аз фаро расидани солҳои қаҳтӣ ба Юсуф ду писар
таваллуд шуд, ки онҳоро Оснат, духтари Фӯтифараъ, коҳини Ӯн, ба ӯ
зоид.
51 Ва Юсуф нахустзодаи худро Менашше ном ниҳод, зеро ки, гуфт
ӯ, «Худо маро аз тамоми машаққатам ва аз тамоми хонаи падарам
фаромӯшӣ дод».
52 Ва дуюминро Эфроим номид, зеро ки, гуфт ӯ, «Худо маро дар
замини мазаллатам борвар гардонид».
53 Ва ҳафт соли фаровонӣ, ки дар замини Миср буд, ба оҳир расид.
54 Ва ҳафт соли қаҳтӣ оғоз ёфт, чунон ки Юсуф гуфта буд. Ва дар
ҳамаи заминҳо қаҳтӣ рӯй дод, вале дар тамоми замини Миср нон
буд+.
55 Ва чун тамоми замини Миср низ гирифтори қаҳтӣ шуд, қавм
барои нон назди фиръавн фарьёд заданд. Ва фиръавн ба ҳамаи
мисриён гуфт: «Назди Юсуф биравед, ва он чи ӯ ба шумо гӯяд,
бикунед».
56 Ва қаҳтӣ тамоми рӯи заминро фаро гирифт; ва Юсуф ҳамаи
анборҳоро кушода, ба мисриён ғалла мефурӯхт. Вале қаҳтӣ дар
замини Миср қавӣ мешуд.

[57] Ва аз ҳамаи кишварҳо барои харидани ғалла назди Юсуф ба
Миср меомаданд, зеро ки қаҳтӣ дар тамоми дуньё қавӣ шуд.

## Юсуф бародарони худро меҳмоннавозӣ мекунад.

42 [1] Ва Яъқуб фаҳмид, ки дар Миср ғалла мавҷуд аст, ва Яъқуб
ба писарони худ гуфт: «Чаро нигоҳ карда нишастаед?»
[2] Ва гуфт: «Инак, шунидам, ки дар Миср ғалла ҳаст; ба он ҷо
биравед, ва барои мо аз он ҷо ғалла бихаред, то ки зист кунем ва
намирем».
[3] Даҳ бародари Юсуф барои харидани ғалла ба Миср рафтанд.
[4] Вале Биньёмин, бародари Юсуфро Яъқуб бо бародарони ӯ
нафиристод; зеро гуфт: «Мабодо зиёне ба ӯ расад».
[5] Дар миёни ононе ки барои харидани ғалла омаданд, банӣ-
Исроил ҳам буданд; зеро ки дар замини Канъон қаҳтӣ буд.
[6] Ва Юсуф ҳокими он замин буд; ва ба тамоми қавми он замин
ғалла мефурӯхт. Вақте ки бародарони Юсуф омаданд, рӯй ба замин
ниҳода, ба ӯ саҷда карданд+.
[7] Ва чун Юсуф бародарони худро дид, онҳоро шинохт; вале худро
ба онҳо ношинос вонамуд кард, ва бо онҳо ба дуруштӣ гап зад, ва ба
онҳо гуфт: «Аз куҷо омадед?» Гуфтанд: «Аз замини Канъон, то ки
хӯрокворӣ бихарем».
[8] Агарчи Юсуф бародарони худро шинохт, онҳо ӯро нашинохтанд.
[9] Ва Юсуф хобҳоеро, ки дар бораи онҳо дида буд, ба хотир овард;
ва ба онҳо гуфт: «Шумо ҷосус ҳастед; барои дидани урьёнии ин
замин омадаед»+.
[10] Ба ӯ гуфтанд: «Не, оғои мо; ғуломонат барои харидани
хӯрокворӣ омадаанд.
[11] Мо ҳама писарони як шахс ҳастем; мо одамони дурусткорем;
ғуломонат ҷосус нестанд».
[12] Ба онҳо гуфт: «Не, шумо барои дидани урьёнии замин омадаед».
[13] Гуфтанд: «Мо, ғуломонат, дувоздаҳ бародаронем; мо писарони
як шахс ҳастем дар замини Канъон, ва инак, хурдӣ имрӯз пеши
падари мост, ва яке нест».
[14] Ва Юсуф ба онҳо гуфт: «Ҳамин аст он чи ба шумо гуфтам, ки
ҷосус ҳастед.
[15] Ба ин тариқ озмуда хоҳед шуд: қасам ба ҷони фиръавн, ки аз ин
ҷо берун нахоҳед рафт, магар ки бародари хурдии шумо ба ин ҷо
биёяд.

16 Як нафарро аз байни худ бифиристед, то ки бародари шуморо
биёрад; ва шумо ба ҳабс гирифта мешавед, то ки суханони шумо
санҷида шавад, ки ҳақ ба ҷониби шумост ё не; вагар на, қасам ба ҷони
фиръавн, ки шумо ҷосус ҳастед».
17 Ва онҳоро серӯза ба ҳабс гирифт.
18 Ва рӯзи сеюм Юсуф ба онҳо гуфт: «Чунин бикунед ва зинда
бимонед, зеро ки ман аз Худо метарсам.
19 Агар шумо одамони дурусткор бошед, бигзор як бародари шумо
дар ҳабсхонаи шумо бимонад; ва шумо биравед, ва ғалла барои
гуруснагии хонаҳои худ бибаред.
20 Ва бародари хурдии худро назди ман биёред, то ки суханони
шумо тасдиқ шавад, ва намиред». Ва чунин карданд.
21 Ва ба якдигар гуфтанд: «Дар ҳақиқат мо назди бародари худ
гуноҳкор ҳастем. Вақте ки ба мо тазаррӯъ мекард, азияти ҷони ӯро
дидем ва гӯш наандохтем; аз ин рӯ ин азият ба сари мо омад».
22 Ва Реубен ба ҷавоби онҳо гуфт: «Оё ба шумо нагуфта будам, ки
ба муқобили бача гуноҳ накунед? Вале гӯш накардед; ва инак, хуни ӯ
бозхост мешавад»+.
23 Ва онҳо надонистанд, ки Юсуф мефаҳмад; зеро ки тарҷумоне
дар миёни онҳо буд.
24 Ва Юсуф худро аз онҳо канор гирифта, бигирист. Ва назди онҳо
баргашта, бо онҳо гуфтугӯ кард, ва Шимъӯнро аз миёни онҳо
гирифта, дар пеши назари онҳо ӯро бандӣ кард.
25 Ва Юсуф фармон дод, ки ҷуволҳои онҳоро аз ғалла пур кунанд,
ва нуқраи онҳоро дар халтаи ҳар яке баргардонанд, ва ба онҳо тӯшаи
роҳ бидиҳанд. Ва ба онҳо чунин карданд.
26 Ва ғаллаи худро ба харони худ бор карда, аз он ҷо равона
шуданд.
27 Ва чун яке халтаи худро дар манзил кушод, то ки хӯроке ба хари
худ диҳад, нуқраи худро дид, ки инак, дар даҳани халтаи ӯст.
28 Ва ба бародарони худ гуфт: «Нуқраи ман баргардонида шудааст!
Инак, дар халтаи ман аст!» Ва дили онҳо ба тапиш афтод, ва ба
якдигар бо тарсу ларз мегуфтанд: «Ин чӣ кор аст, ки Худо ба мо
кардааст?»
29 Ва назди падари худ Яъқуб ба замини Канъон омаданд, ва аз он
чи ба онҳо рӯй дод, хабар дода, гуфтанд:

30 «Он марде ки ҳокими он замин аст, бо мо ба дуруштӣ сухан
гуфт, ва моро ҷосусони он замин гумон кард.
31 Вале ба ӯ гуфтем: „Мо одамони дурусткорем; мо ҷосус нестем.
32 Мо, дувоздаҳ бародарон, писарони падари худ ҳастем; яке нест,
ва хурдӣ имрӯз назди падари мо дар замини Канъон аст“.
33 Ва он марде ки ҳокими он замин аст, ба мо гуфт: „Ба ин тариқ
хоҳам фаҳмид, ки шумо дурусткор ҳастед: яке аз бародарони худро
назди ман бимонед; ва ғалла барои гуруснагии хонаҳои худ бигиред,
ва биравед.
34 Ва бародари хурдии худро назди ман биёред, то донам, ки шумо
ҷосус нестед, балки одамони дурусткоред; он гоҳ бародари шуморо
ба шумо бидиҳам, ва дар ин замин додугирифт кунед“».
35 Ва ҳангоме ки онҳо халтаҳои худро холӣ мекарданд, инак,
ҳамьёни нуқраи ҳар яке дар халтаи вай буд. Ва чун онҳо ва
падарашон ҳамьёнҳои нуқраро диданд, ҳаросон шуданд.
36 Ва падари онҳо Яъқуб ба онҳо гуфт: «Маро аз фарзандонам
маҳрум кардед: Юсуф нест, ва Шимъӯн нест, ва Биньёминро мехоҳед
бибаред, — ин ҳама кулфатҳо бар сари ман аст!»
37 Ва Реубен ба падари худ арз намуда, гуфт: «Ду писари маро
бикуш, агар ӯро назди ту набиёрам; ӯро ба дасти ман бисупор; ва ман
ӯро назди ту баргардонам».
38 Гуфт: «Писарам бо шумо нахоҳад рафт, зеро ки бародараш
мурдааст, ва ӯ танҳо мондааст. Ва агар дар роҳе ки меравед, зиёне ба
ӯ расад, ҳамоно мӯи сафеди маро бо андӯҳ ба гӯр хоҳед бурд».

## Бародарон бори дуюм ба Миср бо Биньёмин меоянд.

43
[1] Ва қаҳтӣ дар замин сахт шуд.
[2] Ва ҳангоме ки ғаллаеро, ки аз Миср оварда буданд, хӯрда
тамом карданд, падарашон ба онҳо гуфт: «Баргардед, ва андак
хӯрокворӣ барои мо бихаред».
[3] Ва Яҳудо ба ӯ арз карда, гуфт: «Он мард қатъиян таъкид карда,
гуфт: „Агар бародари шумо бо шумо набошад, рӯи маро нахоҳед дид“.
[4] Агар бародари моро бо мо фиристонӣ, меравем ва хӯрокворӣ
бароят мехарем.
[5] Вале агар нафиристонӣ, намеравем, зеро ки он мард ба мо гуфт:
„Агар бародари шумо бо шумо набошад, рӯи маро нахоҳед дид“».
[6] Ва Исроил гуфт: «Чаро ба ман бадӣ карда, ба он мард гуфтед, ки
бародари дигаре доред?»
[7] Гуфтанд: «Он мард аҳволи мо ва хешу табори моро пурсупос
карда, гуфт: „Оё падари шумо ҳанӯз зинда аст? Оё бародари дигаре
доред?“ Ва мо мувофиқи ин суханон нақл кардем. Магар
медонистем, ки „бародари худро биёред“ мегӯяд?»
[8] Ва Яҳудо ба падари худ Исроил гуфт: «Бачаро бо ман
бифиристон; ва мо бархоста, меравем, ва зист мекунем, ва
намемирем, ҳам мо, ҳам ту ва ҳам фарзандони мо.
[9] Ман зомини ӯ мебошам, ӯро аз дасти ман талаб намо. Агар ӯро
назди ту набиёрам ва ба пешат ҳозир насозам, умрбод пеши ту
гуноҳкор бошам.
[10] Агар мо таъхир намекардем, то ҳол ду маротиба рафта
меомадем».
[11] Ва падарашон Исроил ба онҳо гуфт: «Ин тавр бошад, чунин
бикунед: аз самароти хуби ин замин дар зарфҳои худ бигиред, ва
дастовезе барои он мард бибаред: қадаре баласон ва қадаре асал, мум
ва лодан, писта ва бодом.
[12] Ва нуқраи дучандон ба дасти худ бигиред, ва он нуқраро, ки дар
даҳани халтаҳои шумо гардонда монда шуда буд, бо дасти худ гашта
диҳед: шояд, саҳве шуда бошад.
[13] Ва бародари худро гирифта, ба роҳ дароед, ва назди он мард
баргардед.

[14] Бигзор Худои Қодир ба шумо пеши он мард шафқат нишон
диҳад, то ки бародари дигари шумо ва Биньёминро ҳамроҳи шумо
фиристонад. Ва ман агар аз фарзандон маҳрум шуда бошам, бигзор
маҳрум шавам».
[15] Пас он мардон ин дастовезро гирифтанд, ва нуқраи дучандонро
ба дасти худ гирифтанд, ва бо Биньёмин ба роҳ даромаданд, ва ба
Миср расида, пеши Юсуф биистоданд.
[16] Ва Юсуф, чун Биньёминро бо онҳо дид, ба нозири хонаи худ
фармуд: «Ин одамонро ба хона бибар, ва ҳайвоне бикуш, ва тадоруке
бикун, зеро ки ин одамон дар нимирӯзӣ бо ман хӯрок мехӯранд».
[17] Ва он мард аз рӯи гуфтаи Юсуф амал кард, ва ин одамонро ба
хонаи Юсуф овард.
[18] Ва ин одамон аз омаданашон ба хонаи Юсуф тарсиданд, ва
гуфтанд: «Барои нуқрае ки пеш аз ин дар халтаҳои мо гардонда
монда шуда буд, моро овардаанд, то ки ба мо хурдагирӣ кунанд, ва ба
мо ҳуҷум оваранд, ва моро ғулом гардонанд, ва харони моро».
[19] Бинобар ин ба нозири хонаи Юсуф наздик шуданд, ва дар
даромадгоҳи хона ба ӯ гап заданд,
[20] Ва гуфтанд: «Гӯш кун, эй оғо, мо пеш аз ин барои харидани
хӯрокворӣ омада будем.
[21] Вале чунин воқеъ шуд, ки чун ба манзил расидем ва халтаҳои
худро кушодем, — инак, нуқраи ҳар яке дар даҳани халтааш; нуқраи
мо мувофиқи вазни он мавҷуд аст, ва мо онро бо дасти худ гашта
медиҳем.
[22] Ва нуқраи дигаре барои харидани хӯрокворӣ ба дасти худ
овардем. Намедонем, ки нуқраи моро кӣ дар халтаҳои мо мондааст».
[23] Гуфт: «Хотирҷамъ бошед, натарсед! Худои шумо ва Худои
падари шумо ганҷе дар халтаҳои шумо ба шумо додааст; нуқраи
шумо ба ман расид». Ва Шимъӯнро пеши онҳо баровард.
[24] Ва он мард ин одамонро ба хонаи Юсуф даровarда, об дод, ва
онҳо пойҳои худро шустанд; ва хӯрок ба харони онҳо дод.
[25] Ва дастовезро то вақти омадани Юсуф дар нимирӯзӣ тайёр
карданд; зеро шунида буданд, ки дар он ҷо бояд нон хӯранд.
[26] Вақте ки Юсуф ба хона омад, дастовезро, ки дар дасти онҳо буд,
пеши ӯ ба хона оварданд, ва то замин ба ӯ саҷда карданд.

27 Ва аз саломатии онҳо пурсид, ва гуфт: «Оё падари пири шумо,
ки зикраш карда будед, саломат аст? Оё ҳанӯз дар қайди ҳаёт аст?»
28 Гуфтанд: «Ғуломат, падари мо, саломат аст, ҳанӯз дар қайди
ҳаёт аст». Ва онҳо таъзим карданд ва саҷда бурданд.
29 Ва чашм андохта, бародари худ Биньёмин, писари модари худро
дид, ва гуфт: «Оё ин аст бародари хурдии шумо, ки назди ман зикраш
карда будед?» Ва гуфт: «Марҳамати Худо бо ту бод, писарам!»
30 Ва Юсуф шитобон баромада рафт, зеро ки меҳраш нисбат ба
бародараш ҷӯш зада, гирьяаш омад, ва ба ҳуҷрае даромада, он ҷо
бигирист.
31 Ва рӯи худро шуста, берун омад, ва худро ба даст гирифта, гуфт:
«Таом бигузоред».
32 Ва барои ӯ алоҳида гузоштанд, ва барои онҳо алоҳида, ва барои
мисриёне ки бо ӯ хӯрок мехӯрданд, алоҳида, зеро ки мисриён бо
ибриён хӯрок хӯрда наметавонанд; чунки ин барои мисриён
кароҳатангез аст+.
33 Ва пеши ӯ бинишастанд, нахустзода мувофиқи нахустзодагиаш
ва хурдсол мувофиқи хурдсолиаш, ва ин одамон ба якдигар тааҷҷуб
менамуданд.
34 Ва чун луқмаҳо аз пеши Юсуф барои онҳо оварда шуд, луқмаи
Биньёмин аз луқмаҳои ҳамаи онҳо панҷ баробар зиёд буд. Ва бо ӯ
нӯшиданд, ва кайфашон хеле баланд шуд.

## Бародарони Юсуфро ҳароси азиме фаро мегирад.

44 [1] Ва Юсуф ба нозири хонаи худ амр фармуда, гуфт:
«Халтаҳои ин мардонро, ба қадре ки бурда метавонанд, аз
хӯрокворӣ пур кун, ва нуқраи ҳар якеро дар даҳани халтааш бимон;
[2] Ва ҷоми маро, он ҷоми нуқраро, дар даҳани халтаи он хурдӣ бо
қимати ғаллаи ӯ бимон». Ва мувофиқи сухане ки Юсуф гуфт, иҷро
кард.
[3] Бомдодон, чун чашми рӯз кушода шуд, ин мардонро бо харони
онҳо равона карданд.
[4] Онҳо аз шаҳр баромада, ҳанӯз чандон дур нарафта буданд, ки
Юсуф ба нозири хонаи худ гуфт: «Бархоста, аз ақиби ин одамон
шитоб кун, ва чун ба онҳо даррасидӣ, бигӯй: „Чаро бадӣ ба ивази
некӣ кардед?
[5] Оё ин ҳамон ҷом нест, ки оғоям аз он менӯшад? Ва ӯ бо он фол
мекушояд. Он чи кардед, бад кардед“».
[6] Ва ба онҳо даррасид, ва ин суханонро ба онҳо гуфт.
[7] Ба ӯ гуфтанд: «Чаро оғои мо чунин суханонро мегӯяд? Ҳошо, ки
ғуломонат коре мисли ин бикунанд.
[8] Он нуқраеро, ки дар даҳани ҳалтаҳои худ ёфта будем, аз замини
Канъон назди ту гашта овардем; пас чӣ гуна аз хонаи оғоят нуқра ё
тилло медуздем?
[9] Назди ҳар яке аз ғуломонат ёфт шавад, бимирад; ва мо низ
ғуломони оғои ту бошем».
[10] Гуфт: «Майлаш; аз рӯи гуфтаи шумо шавад: назди касе ки ёфт
шавад, ӯ ғуломи ман бошад, ва шумо озод бошед».
[11] Ва шитоб намуда, ҳар яке халтаи худро ба замин фуроварданд,
ва ҳар яке халтаи худро кушоданд.
[12] Ва кофтуков кард; аз калонӣ сар карда, бо хурдӣ тамом кард; ва
ҷом аз халтаи Биньёмин ёфт шуд.
[13] Ва либосҳои худро чок заданд, ва ҳар яке хари худро бор карда,
ба шаҳр баргаштанд.
[14] Вақте ки Яҳудо ва бародаронаш ба хонаи Юсуф омаданд, ӯ ҳанӯз
он ҷо буд, ва пеши ӯ бар замин афтоданд.
[15] Ва Юсуф ба онҳо гуфт: «Ин чӣ кор аст, ки кардед? Оё надонистед,
ки шахсе мисли ман албатта фол мекушояд?»

16 Яҳудо гуфт: «Ба оғои худ чӣ гӯем? Чӣ арз кунем? Ва чӣ гуна
худро сафед намоем? Худо гуноҳи ғуломонатро дарьёфтааст; инак,
мо ғуломони оғои худ бошем, ҳам мо ва ҳам он ки ҷом дар дасташ
ёфт шуд».
17 Гуфт: «Ҳошо, ки ман чунин кунам: он ки ҷом дар дасташ ёфт
шуд, ғуломи ман бошад, ва шумо ба саломатӣ назди падари худ
биравед».
18 Ва Яҳудо ба ӯ наздик омада, гуфт: «Эй оғои ман, марҳамат
фармуда ба ғуломи худ изн бидеҳ, ки сухане ба гӯши оғои худ
бигӯям, ва бар ғуломи худ хашм нагир; зеро ки ту чун фиръавн
ҳастӣ.
19 Оғоям аз ғуломонаш пурсида, гуфт: „Оё шуморо падар ё
бародаре ҳаст?“
20 Ва ба оғои худ арз кардем, ки моро падари пире ҳаст, ва ӯро
писари пиронсолагӣ, писари хурдӣ, ки бародараш мурдааст, ва ӯ аз
модари худ танҳо мондааст; ва падараш ӯро дӯст медорад+.
21 Ва ба ғуломони худ гуфтӣ: „Ӯро назди ман биёред, то ки ба ӯ
чашм андозам“.
22 Ва ба оғои худ гуфтем: „Он ҷавон аз падари худ ҷудо шуда
наметавонад, ва агар аз падари худ ҷудо шавад, ӯ хоҳад мурд“.
23 Вале ба ғуломони худ гуфтӣ: „Агар бародари хурдии шумо бо
шумо наояд, рӯи маро дигар нахоҳед дид“.
24 Ва ҳангоме ки назди ғуломат, падари худ, омадем, суханони
оғои худро ба ӯ нақл кардем.
25 Ва падари мо гуфт: „Баргардед, ва андаке хӯрокворӣ барои мо
бихаред“.
26 Гуфтем: „Рафта наметавонем; лекин агар бародари хурдии мо
бо мо равад, меравем; зеро ки рӯи он мардро дида наметавонем, агар
бародари хурдии мо бо мо набошад“.
27 Ва ғуломат, падарам, ба мо гуфт: „Шумо медонед, ки занам ба
ман дуто зоида буд.
28 Ва яке аз назди ман берун рафт, ва ман гуфтам: албатта дарида
шудааст; ва то кунун ӯро надидаам;
29 Ва агар инро низ аз назди ман бибаред, ва зиёне ба ӯ расад,
ҳамоно мӯи сафеди маро бо андӯҳ ба гӯр хоҳед бурд“.

30 Ва акнун агар назди ғуломат, падари худ, биравем, ва ин ҷавон
бо мо набошад, ва ҳол он ки ҷони ӯ бо ҷони вай баста аст,
31 Ва чун бубинад, ки писар нест, ӯ хоҳад мурд; ва ғуломонат мӯи
сафеди ғуломат, падари худро бо андӯҳ ба гӯр хоҳанд бурд.
32 Зеро ки ғуломат назди падари худ зомини писар шуда, гуфтам:
„Агар ӯро назди ту набиёрам, умрбод пеши падари худ гунаҳкор
бошам“.
33 Ва акнун бигзор, ки ғуломат ба ивази ин ҷавон дар бандагии
оғои худ бимонад, ва ин ҷавон бо бародарони худ биравад.
34 Зеро чӣ гуна назди падари худ биравам, ва ин ҷавон ҳамроҳи
ман набошад? Мабодо балоеро, ки ба падарам рӯй диҳад, бубинам».

## Юсуф худро ба бародаронаш мешиносонад.

**45** 1 Ва Юсуф пеши ҷамоате ки дар хузураш истода буданд,
дигар худдорӣ карда натавонист, ва нидо кард: «Ҳамаро аз пеши
ман берун бароред!» Ва касе назди Юсуф намонд, вақте ки ӯ худро ба
бародаронаш шиносонид.
2 Ва бо овози баланд бигирист, ва мисриён шуниданд, ва аҳли
байти фиръавн шунид.
3 Ва Юсуф ба бародарони худ гуфт: «Ман Юсуф ҳастам! Оё падарам
зинда аст?» Вале бародаронаш ба ӯ ҷавоб дода наметавонистанд; зеро
ки пеши ӯ мушавваш гардиданд.
4 Ва Юсуф ба бародарони худ гуфт: «Наздики ман биёед». Ва
наздик омаданд. Ва гуфт: «Ман Юсуф, бародари шумо ҳастам, ки
маро ба Миср фурӯхтед.
5 Вале акнун ғамгин ва мутаассиф нашавед, ки маро ба ин ҷо
фурӯхтед; зеро ки Худо маро пеш аз шумо барои ҳифзи ҳаёт
фиристод.
6 Зеро ҳоло ду сол шудааст, ки қаҳтӣ бар замин ҳукмфармост, ва
боз панҷ соли дигар на шудгор мешавад, на дарав.
7 Лекин Худо маро пеш аз шумо фиристод, то ки шуморо дар
замин боқӣ гузорад ва бо наҷоти бузурге ҳаёти шуморо нигоҳ дорад.
8 Пас, на шумо маро ба ин ҷо фиристодаед, балки Худо, ки Ӯ маро
падар ба фиръавн, оғо ба тамоми аҳли байти вай ва ҳоким бар
тамоми замини Миср гардонид.
9 Шитоб кунед ва назди падарам рафта, ба ӯ гӯед: писари ту Юсуф
чунин мегӯяд: „Худо маро оғои тамоми Миср гардондааст; назди ман
биё, таъхир накун.
10 Ва дар замини Ҷӯшан маскан хоҳӣ гирифт; ва наздики ман хоҳӣ
буд, ту ва писаронат, ва писарони писаронат, ва гӯсфандонат, ва
говонат, ва ҳар чизе ки дорӣ.
11 Ва туро дар он ҷо ризқу рӯзӣ хоҳам дод, зеро ки боз панҷ сол
қаҳтӣ мешавад; мабодо ту, ва аҳли байти ту, ва ҳар чизе ки дорӣ,
бенаво гардед“.
12 Ва инак, чашмони шумо ва чашмони бародарам Биньёмин
мебинад, ки ин манам, ки бо шумо сухан мегӯям.

13 Пас ба падарам аз тамоми ҷалоли ман дар Миср ва аз он чи
дидед, хабар диҳед; ва шитоб намуда, падарамро ба ин ҷо биёред».
14 Ва бар гардани бародари худ Биньёмин афтода, бигирист; ва
Биньёмин бар гардани ӯ гирья кард.
15 Ва ҳамаи бародарони худро бӯсид ва дар оғӯш гирифта,
бигирист; ва баъд аз он бародаронаш бо ӯ гуфтугӯ карданд.

## Юсуф бародаронро ба Канъон мефиристад, то ки падарро биёранд.

16 Вақте ки ба гӯши аҳли байти фиръавн овоза расид, ки
бародарони Юсуф омадаанд, ин ба назари фиръавн ва ба назари
чокаронаш хуш омад.
17 Ва фиръавн ба Юсуф гуфт: «Ба бародарони худ бигӯ: „Чунин
бикунед: маркабҳои худро бор кунед, ва ба замини Канъон равона
шавед;
18 Ва падари худ ва аҳли байти худро гирифта, назди ман биёед;
беҳтарин замини Мисрро ба шумо хоҳам дод, ва аз фарбеҳии замин
хоҳед хӯрд“.
19 Ва туро амр мефармоям ба онҳо бигӯӣ: „Чунин бикунед:
аробаҳо аз замини Миср барои тифлони худ ва барои занони худ
бигиред, ва падари худро бардошта биёред;
20 Ва аз тарк кардани чизу чораи худ таассуф нахӯред зеро ки
беҳтарини тамоми замини Миср аз они шумост“»
21 Ва банӣ-Исроил чунин карданд. Ва Юсуф, мувофиқи амри
фиръавн, аробаҳо ба онҳо дод, ва тӯшаи роҳ ба онҳо дод
22 Ба ҳар яке аз онҳо як даста либос дод, вале ба Биньёмин сесад
сиккаи нуқра ва панҷ даста либос дод.
23 Ва ҳамчунин барои падари худ даҳ хари боршуда бо нозу
неъмати Миср ва даҳ модахари боршуда бо ғалла ва нон ва хӯрок
барои сафари падари худ фиристод.
24 Ва бародарони худро фиристод, ва чун онҳо равона шуданд, ба
онҳо гуфт: «Дар роҳ низоъ накунед».
25 Ва аз Миср баромаданд, ва назди падари худ Яъқуб ба замини
Канъон омаданд.
26 Ва ӯро огоҳ намуда, гуфтанд: «Юсуф ҳанӯз зинда аст, ва ӯ
ҳокими тамоми замини Миср аст». Вале дили ӯ ошуфта шуд; зеро ки

ба гапи онҳо бовар накард.
[27] Ва ҳамаи суханонеро, ки Юсуф ба онҳо гуфта буд, ба ӯ нақл
карданд; ва аробаҳоеро ки Юсуф барои овардани ӯ фиристода буд,
бидид; ва рӯҳи падари онҳо, Яъқуб, боз зинда шуд.
[28] Ва Исроил гуфт: «Бас аст! Писари ман Юсуф ҳанӯз зинда аст;
меравам ва пеш аз мурданам ӯро мебинам».

## Сафари Яъқуб ба Миср.

**46** 1 Ва Исроил бо ҳар чи дошт, ба сафар рафт, ва чун ба Беэр-
Шобаъ омад, барои Худои падари худ Исҳоқ қурбо ниҳо забҳ
кард+.
2 Ва Худо дар рӯъёи шаб ба Исроил хитоб карда, гуфт «Яъқуб,
Яъқуб!» Гуфт: «Лаббай!»
3 Гуфт: «Манам он Худо, Худои падарат; аз рафтан ба Миср натарс;
зеро ки дар он ҷо кавми бузурге аз ту ба вуҷуд меоварам.
4 Ман бо ту ба Миср меравам; ва Ман низ туро аз он ҷо берун
меоварам; ва Юсуф бо дасти худ чашмони туро мепӯшад»+.
5 Ва Яъқуб аз Беэр-Шобаъ равона шуд; ва банӣ-Исроил падари худ
Яъқубро, ва тифлони худро, ва занони худро бо аробаҳое ки фиръавн
барои овардани ӯ фиристода буд, бурданд.
6 Ва чорвои худ ва дороии худро, ки дар замини Канъон пайдо
карда буданд, гирифтанд, ва Яъқуб ва тамоми наслаш бо ӯ ба Миср
омаданд.
7 Ва писарони худ ва писарони писарони худро бо худ, ва
духтарони худ ва духтарони писарони худро, ва тамоми насли худро
бо худ ба Миср овард.

8 •Ва ин аст номҳои банӣ-Исроил, ки ба Миср омаданд: Яъқуб ва
писарони ӯ. Реубен, нахустзодаи Яъқуб+.
9 Писарони Реубен: Ҳанӯх, Фаллу, Ҳесрӯн ва Кармӣ+.
10 Писарони Шимъӯн: Ямуил, Ёмин, Ӯҳад, Ёкин, Сӯҳар ва Шоул, ки
писари зани канъонӣ буд+.
11 Писарони Левӣ: Ҷершӯн, Қаҳот ва Марорӣ+.
12 Писарони Яҳудо: Эр, Ӯнон, Шело, Форас ва Зораҳ; вале Эр ва
Ӯнон дар замини Канъон мурданд. Писарони Форас Ҳесрӯн ва Ҳомул
буданд+.
13 Писарони Иссокор: Тӯлоъ, Фувво, Йӯб ва Шимрӯн+.
14 Писарони Забулун: Сарад, Элӯн ва Яҳлаил+.
15 Инҳоянд писарони Леё, ки онҳоро, ва духтари худ Диноро дар
Фаддони Арам ба Яъқуб зоид; ҳамаи писарон ва духтаронаш сию се
нафар.

16 Писарони Ҷод: Сифйӯн, Ҳаҷӣ, Шунӣ, Эсбӯн, Эрӣ, Арӯдӣ ва
Аръилӣ+.
17 Писарони Ошер: Имно, Ишво, Ишвӣ ва Барио ва хоҳари онҳо
Сораҳ. Писарони Барио: Ҳабар ва Малкиил+.
18 Инҳоянд писарони Зилфо, ки варо Лобон ба духтари худ Леё
дод; ва ин шонздаҳ нафарро ба Яъқуб зоид.
19 Писарони Роҳел, зани Яъқуб: Юсуф ва Биньёмин.
20 Ва ба Юсуф дар замини Миср Менашше ва Эфроим таваллуд
шуданд, ки онҳоро Оснат, духтари Фӯтифараъ, коҳини Ӯн ба ӯ зоид+.
21 Писарони Биньёмин: Балаъ, Бакар, Ашбел, Ҷеро, Наамон, Эҳӣ,
Рӯш, Муфим, Ҳуфим ва Орд+.
22 Инҳоянд писарони Роҳел, ки ба Яъқуб таваллуд шуданд; ҷамъ
чордаҳ нафар.
23 Писари Дон: Ҳушим+.
24 Писарони Нафтолӣ: Яҳсаил, Ҷунӣ, Есар ва Шилем+.
25 Инҳоянд писарони Билҳо, ки варо Лобон ба духтари худ Роҳел
дод. Вай инҳоро ба Яъқуб ҷамъ ҳафт нафар зоид.
26 Ҳамаи касоне ки бо Яъқуб ба Миср омаданд, онҳое ки аз камари
ӯ рӯидаанд, ғайр аз занони писарони Яъқуб, ҷамъ шасту шаш нафар
буданд.
27 Ва писарони Юсуф, ки ба ӯ дар Миср таваллуд шуданд, ду нафар
буданд. Ҳамаи касони хонадони Яъқуб, ки ба Миср омаданд, ҳафтод
нафар буданд+.
28 Ва Яҳудоро пеш аз худаш назди Юсуф фиристод, то ки ӯро ба
Ҷӯшан роҳнамоӣ кунад. Ва ба замини Ҷӯшан омаданд.
29 Ва Юсуф аробаи худро тайёр кард, ва ба пешвози падари худ
Исроил ба Ҷӯшан рафт, ва чун ӯро бидид, ба гарданаш овезон шуд, ва
муддате бар гарданаш бигирист.
30 Ва Исроил ба Юсуф гуфт: «Акнун, пас аз дидани рӯи ту,
метавонам бимирам; зеро ки ҳанӯз зинда ҳастӣ».
31 Ва Юсуф ба бародарони худ ва ба аҳли байти падари худ гуфт:
«Меравам, ва ба фиръавн хабар медиҳам, ва ба вай мегӯям:
„Бародаронам ва аҳли байти падарам, ки дар замини Канъон буданд,
назди ман омаданд.
32 Ва ин одамон рамабон ҳастанд, зеро ки мардуми чорводор
мебошанд; ва гӯсфандон ва говон ва тамоми дороии худро

овардаанд“.
33 Ва агар фиръавн шуморо даъват намуда, гӯяд: „Касбу коратон
чист?“
34 Бигӯед: „Ғуломонат аз наврасии худ то алҳол мардуми чорводор
ҳастем, ҳам мо ва ҳам падарони мо“, — то ки дар замини Ҷӯшан
сокин шавед. Зеро ки ҳар рамабон барои мисриён нафратангез аст»+.

## Афзоиши насли Яъқуб, ки дар Миср муқимӣ гардидаанд.

**47** [1] Ва Юсуф омад ва ба фиръавн хабар дода, гуфт: «Падарам ва
бародаронам бо гӯсфандон ва говони худ ва бо ҳар чи доранд, аз
замини Канъон омаданд; ва инак, дар замини Ҷӯшан мебошанд».
[2] Ва аз бародарони худ панҷ нафарро гирифта, пеши фиръавн
муаррифӣ намуд.
[3] Ва фиръавн ба бародарони ӯ гуфт: «Касбу коратон чист?» Ба
фиръавн гуфтанд: «Ғуломонат рамабон ҳастем, ҳам мо ва ҳам
падарони мо».
[4] Ва ба фиръавн гуфтанд: «Омадем, то ки дар ин замин сокин
шавем, зеро ки барои чорвои ғуломонат чарогоҳ нест; чунки қаҳтӣ
дар замини Канъон сахт аст. Ва акнун ба ғуломонат изн бидеҳ, ки дар
замини Ҷӯшан маскан гирем».
[5] Ва фиръавн ба Юсуф хитоб карда, гуфт: «Падарат ва бародаронат
назди ту омадаанд.
[6] Замини Миср пеши туст; дар беҳтарин ҷои ин замин ба падарат
ва бародаронат маскан бидеҳ; бигзор дар замини Ҷӯшан сокин
шаванд. Ва агар донӣ, ки дар миёни онҳо одамони қобил ҳастанд,
онҳоро нозирони чорвои ман таъин кун».
[7] Ва Юсуф падари худ Яъқубро овард, ва ӯро ба фиръавн муаррифӣ
намуд; ва Яъқуб фиръавнро баракат дод.
[8] Ва фиръавн ба Яъқуб гуфт: «Айёми солҳои умри ту чанд аст?»
[9] Ва Яъқуб ба фиръавн гуфт: «Айёми солҳои мусофирати ман саду
сӣ сол аст; айёми солҳои умри ман кам ва бад аст, ва ба айёми
солҳои умри падарони ман дар айёми мусофирати онҳо
нарасидааст»+.
[10] Ва Яъқуб фиръавнро баракат дод, ва аз пеши фиръавн берун
рафт.
[11] Ва Юсуф ба падар ва бародарони худ маскан дод, ва дар замини
Миср, дар беҳтарин замин, дар замини Раамсис, чунон ки фиръавн
фармуда буд, мулке ба онҳо дод+.
[12] Ва Юсуф падари худро, ва бародарони худро, ва тамоми аҳли
байти падари худро, мувофиқи талаботи хӯрандаҳошон, бо нон
таъмин мекард.

[13] Ва дар тамоми замин нон набуд; зеро ки қаҳтӣ бағоят сахт буд,
ва замини Миср ва замини Канъон аз қаҳтӣ дар ҳолати табоҳ буд.
[14] Ва Юсуф тамоми нуқраро, ки дар замини Миср ва дар замини
Канъон буд, ба ивази ғаллае ки мехариданд, ҷамъ кард; ва Юсуф ин
нуқраро ба хонаи фиръавн даровард.
[15] Ва чун нуқра дар замини Миср ва дар замини Канъон тамом
шуд, ҳамаи мисриён назди Юсуф омада, гуфтанд: «Ба мо нон бидеҳ!
Чаро пеши ту бимирем? Чунки нуқра тамом шуд».
[16] Ва Юсуф гуфт: «Чорвои худро биёред, ва ман ба ивази чорвои
шумо медиҳам, модоме ки нуқра тамом шудааст».
[17] Ва чорвои худро назди Юсуф оварданд; ва Юсуф ба ивази аспон,
ба ивази рамаҳои гӯсфандон, ба ивази рамаҳои говон ва ба ивази
харон ба онҳо нон дод; ва ҳамон сол онҳоро ба ивази тамоми чорвои
онҳо бо нон таъмин намуд.
[18] Вақте ки сол ба охир расид, соли дуюм назди ӯ омада, гуфтанд:
«Аз оғои худ махфӣ намедорем, ки нуқра тамом шуд ва рамаҳои
чорво дар дасти оғои мост; пеши оғои мо чизе, ҷуз ҷисми мо ва
замини мо, боқӣ намондааст.
[19] Чаро мо ва замини мо низ дар пеши назари ту ҳалок шавем?
Моро ва замини моро ба ивази нон бихар; ва мо бо замини худ
ғуломони фиръавн шавем, ту ба мо тухмӣ бидеҳ, то ки зист кунем ва
намирем, ва замин табоҳ нашавад».
[20] Ва Юсуф тамоми замини Мисрро барои фиръавн харид, зеро ки
мисриён ҳар яке киштзори худро фурӯхтанд; чунки қаҳтӣ барояшон
сахт буд. Ва замин аз они фиръавн шуд.
[21] Ва халқро аз ин канор то он канори Миср ба шаҳрҳо гузаронид.
[22] Фақат замини коҳинонро нахарид, зеро ки ба коҳинон ротибае
аз ҷониби фиръавн муқаррар шуда буд, ва аз ротибае ки фиръавн ба
онҳо дода буд, мехӯрданд; ба ин сабаб замини худро нафурӯхтанд.
[23] Ва Юсуф ба халқ гуфт: «Инак, имрӯз шуморо ва замини шуморо
барои фиръавн харидам; барои шумо тухмӣ ин ҷост, то заминро
кишт кунед.
[24] Ва чун ҳосил бирасад, панҷьякашро ба фиръавн бидиҳед; ва чор
ҳиссаи он аз они шумо бошад барои зироати замин ва барои хӯроки
шумо ва аҳли хонаи шумо, ва барои хӯроки кӯдакони шумо».

[25] Гуфтанд: «Ту ба мо ҷон даровардӣ; дар назари оғои худ илтифот
биёбем, ва ғуломони фиръавн бошем».
[26] Ва Юсуф инро бар замини Миср то имрӯз ба ҳукми қонун
даровард: панҷьяк аз они фиръавн бошад; ғайр аз замини коҳинон,
ки фақат он аз они фиръавн набуд.

## Рӯзҳои охирини Яъқуб.

[27] Ва Исроил дар замини Миср, дар замини Ҷӯшан маскан гирифт,
ва онро соҳибӣ намуд, ва бағоят борвар ва афзун гардиданд.
[28] Ва Яъқуб дар замини Миср ҳафдаҳ сол бизист; ва айёми солҳои
умри Яъқуб саду чилу ҳафт сол буд.
[29] Ва чун вақти фавти Исроил наздик шуд, писари худ Юсуфро
назди худ хонда, ба вай гуфт: «Агар дар назари ту илтифот ёфта
бошам, дасти худро зери рони ман бигузор, ки эҳсон ва вафо бо ман
бикунӣ ва маро дар Миср дафн накунӣ,
[30] То ки бо падарони худ бихобам: маро аз Миср бурда, дар
мақбараи онҳо дафн намоӣ». Гуфт: «Ман мувофиқи гуфтаи ту хоҳам
кард»+.
[31] Ва гуфт: «Ба ман қасам ёд кун». Ва ба ӯ қасам ёд кард. Ва Исроил
бар сари бистари худ саҷда кард+.

## Яъқуб Эфроим ва Менашшеро баракат медиҳад.

**48** [1] Ва воқеъ шуд баъд аз ин ҳодисот, ки ба Юсуф гуфтанд:
«Инак, падарат бемор аст». Ва ду писари худ, Менашше ва
Эфроимро бо худ гирифт.

[2] Ва Яъқубро огоҳ карда, гуфтанд: «Инак, писарат Юсуф назди ту меояд». Ва Исроил қувваҳои худро ҷамъ карда, бар бистар биншаст.

[3] Ва Яъқуб ба Юсуф гуфт: «Худои Қодир дар Луз, дар замини Канъон, бар ман зоҳир гардида, маро баракат дод,

[4] Ва ба ман гуфт: „Инак, Ман туро борвар ва афзун мегардонам, ва аз ту қавмҳои зиёде ба вуҷуд меоварам, ва ин заминро баъд аз ту ба насли ту ба тасарруфи абадӣ медиҳам“+.

[5] Ва ҳоло ду писарат, ки дар замини Миср ба ту зоида шудаанд неш аз он ки назди ту ба Миср биёям, онҳо аз они ман ҳастанд; Эфроим ва Менашше, мисли Реубен ва Шимъӯн, аз они ман хоҳанд буд+.

[6] Вале насле ки баъд аз онҳо ба вуҷуд оварӣ, аз они ту бошанд. Онҳо бо номи бародарони худ дар амлокашон номида шаванд.

[7] Ва ҳангоме ки ман аз Фаддон меомадам, Роҳел назди ман дар замини Канъон мурд, чун андак масофате монда буд, ки ба Эфрот бирасам, ва ӯро дар он ҷо ба сари роҳи Эфрот, ки ҳамон Байт-Лаҳм бошад, дафн кардам»+.

[8] Ва Исроил писарони Юсуфро дид, ва гуфт: «Инҳо кистанд?»

[9] Ва Юсуф ба падари худ гуфт: «Инҳо писарони мананд, ки Худо ба ман дар ин ҷо додааст». Гуфт: «Онҳоро наздики ман биёр, то ки онҳоро баракат диҳам».

[10] Ва чашмони Исроил аз пирӣ хира шуда буд: дида наметавонист. Онҳоро наздики ӯ овард, ва ӯ онҳоро бӯсида, ба оғӯш кашид.

[11] Ва Исроил ба Юсуф гуфт: «Гумон надоштам, ки рӯи туро мебинам; ва инак, Худо насли туро низ ба ман нишон дод».

[12] Ва Юсуф онҳоро аз миёни ду зонуи ӯ берун овард, ва рӯй ба замин ниҳода, ба ӯ саҷда кард.

[13] Ва Юсуф ҳар дуи онҳоро гирифт, Эфроимро ба дасти рости худ, муқобили дасти чапи Исроил, ва Менашшеро ба дасти чапи худ, муқобили дасти рости Исроил, ва наздики ӯ овард.

[14] Вале Исроил дасти рости худро дароз карда, бар сари Эфроим ниҳод, ки вай хурдӣ буд, ва дасти чапи худро бар сари Менашше. Қасдан дастҳояшро чунин ниҳод, ва ҳол он ки Менашше нахустзода буд.
[15] Ва Юсуфро баракат дода, гуфт:
«Он Худое ки пешаш падаронам Иброҳим ва Исҳоқ роҳ мерафтанд,
он Худое ки маро аз аввали ҳастиям то имрӯз чӯпонӣ мекунад,
[16] Он фариштае ки маро аз ҳар бадӣ раҳоӣ медиҳад,
ин наврасонро баракат диҳад;
ва номи ман ва номҳои падаронам Иброҳим ва Исҳоқ дар онҳо хонда шавад,
ва дар васати замин бисьёр афзоиш ёбанд».
[17] Ва Юсуф дид, ки падараш дасти рости худро бар сари Эфроим ниҳод; ин ба назараш бад намуд. Ва дасти падари худро гирифт, то ки онро аз сари Эфроим бар сари Менашше гузаронад;
[18] Ва Юсуф ба падари худ гуфт: «Ин тавр не, падарам, зеро ки нахустзода ин аст, дасти рости худро ба сари ӯ бимон».
[19] Вале падараш розӣ нашуда, гуфт: «Медонам, писарам, медонам; ӯ низ қавме хоҳад шуд, ва ӯ низ бузург хоҳад шуд; валекин бародари хурдияш аз ӯ бузургтар хоҳад шуд, ва аз насли ӯ халқи сершуморе ба вуҷуд хоҳад омад»+.
[20] Ва дар он рӯз онҳоро баракат дода, гуфт:
«Дар ту Исроил баракат хоста, гӯяд:
„Худо туро мисли Эфроим ва Менашше гардонад“».
Ва Эфроимро бар Менашше бартарӣ дод.
[21] Ва Исроил ба Юсуф гуфт: «Инак, ман мемирам. Ва Худо бо шумо хоҳад буд, ва шуморо ба замини падарони шумо боз хоҳад гардонид.
[22] Ва ман ба ту қитъаи зиёда аз бародаронат медиҳам, ки онро аз дасти амӯриён бо шамшер ва камони худ гирифтаам».

## Баракати пайғамбарона дар ҳаққи сибтҳои Исроил, ва фавти Яъқуб.

**49** [1] •Ва Яъқуб писарони худро даъват намуда, гуфт: «Ҷамъ
шавед, ва ман шуморо аз он чи дар оянда ба шумо воқеъ хоҳад
шуд, хабар медиҳам.
[2] Гирд оед ва бишнавед, писарони Яъқуб,
ба падари худ Исроил гӯш андозед.
[3] Реубен, нахустзодаи ман!
Ту — тавоноии ман ва ибтидои қуввати ман,
авҷи бузургӣ ва авҷи қудрат.
[4] Хурӯшон мисли об будӣ, бартарӣ наёбӣ,
зеро ки бар ҷойхоби падари худ баромадӣ;
бистари маро палид кардӣ, бар он баромадӣ+.
[5] Шимъӯн ва Левӣ бародаронанд,
олоти ситам аст ярокҳои онҳо+.
[6] Ба машварати онҳо ҷони ман дохил нашавад,
ба маҳфили онҳо ҷалоли ман шарик нашавад,
зеро ки дар ғазаби худ одам куштанд,
ва барзаговро хостанд бе беху буньёд кунанд.
[7] Малъун бод хашми онҳо, зеро ки тунд аст;
ва ғазаби онҳо, зеро ки сахт аст;
онҳоро дар Яъқуб тақсим кунам,
ва дар Исроил пароканда намоям+.
[8] Яҳудо! Туро бародаронат ситоиш намоянд.
Дастат бар гардани душманонат бошад;
писарони падарат ба ту саҷда кунанд+.
[9] Яҳудои шербача, писарам, аз шикор баромад.
Монанди шери нар, ва монанди шери мода чӯкида,
дар камин хобидааст: кист, ки ӯро бархезонад+?
[10] Чӯбдасти салтанат аз Яҳудо дур нашавад
ва қонунгузор аз камараш,
то даме ки Шилӯ* биёяд,
ва ба Ӯ қавмҳо итоат намоянд+.
[11] Курраи худро ба ток

ва бачаи модахари худро ба раз бандад.
Ҷомаи худро дар май
ва либоси худро дар хуни разон шӯяд.
12 Чашмонаш аз май сурхтоб
ва дандонаш аз шир сафед бошад.
13 Забулун дар канори баҳр сокин шавад,
ва назди бандари киштиҳо,
ва ҳудудаш то Сидӯн бошад+.
14 Иссокор хари бузургҷуссаест,
ки дар миёни қӯраҳо бичӯкад.
15 Ва бидид, ки оромидан хуб аст,
ва замин гуворост,
пас китфи худро барои боркашӣ хам кард
ва бо хизмати хироҷ машғул шуд.
16 Дон қавми худро доварӣ кунад,
мисли яке аз сибтҳои Исроил+.
17 Дон море бошад дар сари роҳ
ва афъие дар канори ҷодда,
ки пошнаи аспро бигазад,
то ки савораш ба ақиб афтад+.
18 Ба мадади ту умедворам, Худованд!+
19 Ҷод — издиҳоме бар вай ҳуҷум оваранд,
вале вай аз ақиби онҳо ҳамла кунад.
20 Барои Ошер — нонаш равғанин бошад,
ва ӯ лаззоти шоҳона бидиҳад.
21 Нафтолӣ ғизоли давандест,
ки хабарҳои хуш оварад.
22 Юсуф ниҳоли борварест,
ниҳоли борвар бар сари чашма:
шохаҳояш аз болои девор вусъат ёбанд.
23 Ва тирандозон айши ӯро талх карданд,
ва ба ӯ тир андохтанд, ва кина варзиданд;
24 Вале камони ӯ ба қуввааш қоим монд,
ва бозуҳои дастҳояш аз дастҳои Қодири Бечуни Яъқуб мустаҳкам шуд.
Аз он ҷост Роҳбар ва муттакои Исроил,+

[25] Аз Худои падарат, ки туро мадад мекунад,
ва аз Қодири Мутлақ, ки туро баракат медиҳад
бо баракоти осмон аз боло,
бо баракоти варта, ки дар поён аст,
бо баракоти пистонҳо ва батн,
[26] Бо баракоти падарат, ки аз баракоти падару модарам
то ҳадди қадимтарини теппаҳои олам бартарӣ дошт.
Ҳамаи инҳо бар сари Юсуф бошанд,
ва бар фарқи ӯ, ки аз бародаронаш баргузида шуд+.
[27] Биньёмин гурги даррандаест,
ки бомдодон шикорро бихӯрад
ва шомгоҳон ғаниматро тақсим кунад»+.
[28] Инҳоянд ҳамаи дувоздаҳ сибти Исроил; ва ин аст он чи
падарашон ба онҳо гуфт; вақте ки онҳоро баракат дод, ҳар якеро
мувофиқи баракати вай баракат дод.
[29] Ва ба онҳо васият карда, гуфт: «Ман ба қавми худ пайваст
мешавам; маро назди падаронам дар мағорае ки дар саҳрои Афрӯни
ҳиттӣ воқеъ аст, дафн кунед,
[30] Дар мағорае ки дар саҳрои Макфело мебошад, ки он дар рӯ ба
рӯи Мамре, дар замини Канъон аст, ва онро Иброҳим бо он саҳро аз
Афрӯни ҳиттӣ барои моликияти мақбара харида буд.
[31] Он ҷо Иброҳим ва занаш Сороро дафн карданд; он ҷо Исҳоқ ва
занаш Равқоро дафн карданд; ва он ҷо ман Леёро дафн кардам+.
[32] Ин саҳро ва мағорае ки дар он аст, аз писарони Ҳит харида
шудааст».
[33] Ва Яъқуб васияташро ба писарони худ ба поён расонд, ва пойҳои
худро ба бистар кашид, ва ҷон супурд, ва ба қавми худ пайваст.

## Дафни Яъқуб.

50 [1] Ва Юсуф бар рӯи падари худ афтода, бар вай гирист, ва ӯро
бӯсид.
[2] Ва Юсуф ба табибон, ки аз чокарони ӯ буданд, амр фармуд, ки
падари ӯро ҳунут кунанд; ва табибон Исроилро ҳунут карданд.
[3] Ва чил рӯз бар ӯ пур шуд, ки ин рӯзҳо барои ҳунут кардан сарф
шуд. Ва мисриён ҳафтод рӯз барои ӯ мотам гирифтанд.
[4] Ва чун айёми мотами ӯ гузашт, Юсуф ба аҳли байти фиръавн
гуфт: «Агар дар назари шумо илтифот ёфта бошам, марҳамат
фармуда ба гӯши фиръавн чунин бирасонед:
[5] Падарам маро қасам дода, гуфт: „Инак, ман мемирам; дар қабре
ки барои худ дар замини Канъон кандаам, он ҷо маро дафн кун“. Ва
акнун мехоҳам биравам ва падари худро дафн карда, баргардам».
[6] Ва фиръавн гуфт: «Бирав ва, чунон ки падарат туро қасам
додааст, ӯро дафн кун».
[7] Ва Юсуф бирафт, то ки падари худро дафн намояд. Ва ҳамаи
чокарони фиръавн, пирони аҳли байти ӯ, ва ҳамаи пирони Миср бо ӯ
рафтанд,
[8] Ва тамоми аҳли байти Юсуф ва бародаронаш ва аҳли байти
падараш. Фақат кӯдакон ва гӯсфандон ва говони худро дар замини
Ҷӯшан вогузоштанд.
[9] Ва аробаҳо ва саворон низ ҳамроҳаш рафтанд, ва анбӯҳ хеле
бузург буд.
[10] Вақте ки ба хирмангоҳи Отод, ки дар он тарафи Урдун аст,
расиданд, дар он ҷо навҳагарии азим ва бисьёр сахт карданд; ва
барои падари худ ҳафт рӯз мотам гирифт.
[11] Ва сокинони он замин, канъониён, ин мотамро дар хирмангоҳи
Отод диданд, ва гуфтанд: «Ин барои Миср мотами сахт аст!» Аз ин рӯ
он мавзеъро Обел-Мисраим* номиданд, ки он дар канори Урдун
воқеъ аст.
[12] Ва писаронаш ба ӯ рончунон, ки ба онҳо васият карда буд,
карданд.
[13] Ва писаронаш ӯро ба замини Канъон бурданд, ва ӯро дар
мағораи саҳрои Макфело дафн карданд, ки Иброҳим он саҳроро аз

Афрӯни ҳиттӣ барои моликияти мақбара дар рӯ ба рӯи Мамре
харида буд+.
14 Ва Юсуф, баъд аз дафни падари худ, бо бародаронаш ва ҳамаи
касоне ки барои дафни падараш бо ӯ баромада буданд, ба Миср
баргашт.

## Биму ҳароси бародарони Юсуф.

15 Ва бародарони Юсуф диданд, ки падари онҳо вафот кард, ва
гуфтанд: «Шояд Юсуф ба мо кина варзида, интиқоми он бадиеро, ки
ба ӯ кардем, аз мо бигирад?»
16 Ва ба касе фармуданд, ки ба Юсуф бигӯяд: «Падарат пеш аз
вафоти худ васият карда, гуфта буд:
17 „Ба Юсуф чунин бигӯед: марҳамат фармуда гуноҳ ва хатоҳои
бародаронатро, ки ба ту бадӣ кардаанд, афв фармо“; ва акнун гуноҳи
бандагони Худои падаратро афв фармо». Ва ҳангоме ки ба ӯ гуфтанд,
Юсуф бигирист.
18 Ва бародаронаш низ омада, пеши ӯ афтоданд, ва гуфтанд: «Инак,
ғуломони ту ҳастем».
19 Ва Юсуф ба онҳо гуфт: «Натарсед; оё ман дар ҷои Худо ҳастам?
20 Шумо дар ҳаққи ман қасди бад доштед, вале Худо онро ба некӯӣ
гардонид, то коре кунад, ки мардуми зиёдро зинда нигоҳ дорад,
чунон ки имрӯз воқеъ шудааст.
21 Ва акнун натарсед. Ман ризқу рӯзии шумо ва кӯдакони шуморо
хоҳам дод». Ва онҳоро тасаллӣ дод, ва суханони дилпазир ба онҳо
гуфт.

## Вафоти Юсуф.

22 Ва Юсуф дар Миср сукунат дошт, ӯ ва аҳли байти падари ӯ; ва
Юсуф саду даҳ сол зиндагонӣ кард.
23 Ва Юсуф писарони насли сеюми Эфроимро дид, ва писарони
Шокир, писари Менашше низ бар зонуҳои Юсуф парвариш ёфтанд+.
24 Ва Юсуф ба бародарони худ гуфт: «Ман мемирам; ва Худо
шуморо ҳатман тафаққуд хоҳад кард, ва шуморо аз ин замин сӯи
замине ки барои Иброҳим, Исҳоқ ва Яъқуб қасам хӯрдааст, берун
хоҳад овард»+.

[25] Ва Юсуф банӣ-Исроилро қасам дода, гуфт: «Худо шуморо ҳатман
тафаққуд хоҳад кард, ва он гоҳ устухонҳои маро аз ин ҷо берун хоҳед
овард»+.
[26] Ва Юсуф дар синни саду дахсолагӣ вафот ёфт. Ва ӯро ҳунут
карданд; ва дар Миср дар тобут гузошта шуд.

---

* 3:20 Зиндагӣ.

* 16:13 Ту Худои бинандаи ман.

* 16:14 Чохи Ҳайи бинандаи ман.

* 22:14 Худованд ҳозир хоҳад кард.

* 23:15 **сиқл** — воҳиди пули қадимӣ, ки арзишаш аз рӯи вазнаш муайян карда мешуд. Мувофиқи маълумоти қадимӣ, дертар, дар давлати яҳудиён, дар давраи подшоҳии Шимъӯни Макабӣ (асри 2 пеш аз милод), вазни сиқли нуқра 14,55 грамм ва сиқли тилло 16,37 грамм буд.

* 25:30 Сурх.

* 26:20 Баҳс.

* 26:21 Тӯҳмат.

* 26:22 Вусъат.

* 28:19 Хонаи Худо.

* 32:32 **Ирқуннисо** — раге ки аз сурин сар шуда, то поёни пой, то буҷулак мерасад; асаби сурин.

* 49:10 Омадани Масеҳ дар назар дошта шудааст.

* 50:11 Мотами Миср.

---

+ 1:1 Юҳ. 1:1

+ 1:27 Мат. 19:4, Марқ. 10:6

+ 2:7 1 Қӯр. 15:45

+ 2:9 Ҳас. 3:22, Ваҳй 2:7, Ваҳй 22:2

+ 2:11 1 Подш. 15:7

+ 2:14 Дон. 10:4, Ҳас. 10:11-12

+ 2:21 Ҳас. 15:12, 1 Подш. 26:12

+ 2:24 Мат. 19:5, Марқ. 10:7, 1 Қӯр. 6:16, Эфс. 5:31

+ 3:1 Мат. 10:16

+ 3:3 Ҳас. 2:17

+ 3:6 Рум. 5:12, 1 Қӯр. 15:21-22

+ 3:15 Рум. 16:20

+ 3:16 Эфс. 5:21, Қӯл. 3:18

+ 3:19 Воиз 3:10, Воиз 3:20

+ 3:22 Ҳас. 2:9, Ваҳй 2:7, Ваҳй 22:2

+ 4:7 Ҳас. 3:16

+ 4:15 Иб. 26:21, Заб. 78:12

+ 5:2 Ҳас. 1:27

+ 5:3 1 Қӯр. 15:49

+ 5:24 4 Подш. 2:11, Ибр. 11:5

+ 5:29 Ҳас. 3:17

+ 6:2 Айюб 1:6, Айюб 2:1, Заб. 88:7

+ 6:3 Заб. 77:39, Заб. 89:10

+ 6:4 Ад. 13:33

+ 6:5 Мас. 6:18, Мат. 12:34

+ 6:6 1 Подш. 15:10-11

+ 6:9 Айюб 1:1

+ 8:4 4 Подш. 19:37, Ирм. 51:27

+ 8:17 Ҳас. 1:22

+ 8:20 Айюб 1:5

+ 8:21 Хур. 29:18, Иб. 1:9, Ҳас. 6:5

+ 9:1 Ҳас. 1:22

+ 9:3 Ҳас. 1:29

+ 9:4 Иб. 3:17, Иб. 7:26, Иб. 17:10-11, Иб. 17:14, Так. Шар. 12:23-24, Аъм. 15:20, Аъм. 15:29

+ 9:6 Ад. 35:33, Ҳас. 1:26-27

+ 9:21 Мас. 20:1

+ 9:22 Мас. 30:17

+ 10:4 Юн. 1:3

+ 10:7 Ҳас. 2:11

+ 10:11 Ҳас. 2:14

+ 10:21 Ад. 24:24

+ 10:29 Ҳас. 2:11

+ 11:2 Ҳас. 10:10, Дон. 3:1

+ 11:8 Так. Шар. 32:8

+ 12:1 Аъм. 7:4

+ 12:3 Ҳас. 18:18, Ҳас. 22:18, Ҳас. 26:4, Ҳас. 28:14, Ғал. 3:8

+ 12:10 Ҳас. 41:54

+ 12:13 Ҳас. 20:2, Ҳас. 20:12

+ 13:8 Заб. 132:1

+ 13:10 Ҳас. 2:10, Ҳас. 19:24

+ 13:13 Ҳас. 18:20

+ 13:15 Еҳ. 21:43

+ 13:16 3 Подш. 3:8

+ 14:3 Еҳ. 10:5

+ 14:5 Так. Шар. 2:10-12

+ 14:7 Ад. 13:26, 2 Вак. 20:3

+ 14:8 Так. Шар. 29:23

+ 14:14 Дов. 18:29

+ 14:17 2 Подш. 18:18

+ 14:18 Заб. 75:3

+ 14:20 Ҳас. 28:22, Иб. 27:30, Ибр. 7:1-2

+ 15:1 2 Подш. 22:3, Заб. 3:4

+ 15:5 Ҳас. 22:17, Так. Шар. 1:10, Так. Шар. 10:22, Рум. 4:18

+ 15:6 Рум. 4:3, Ғал. 3:6, Яъқ. 2:23

+ 15:8 Дов. 6:17, Луқ. 1:18

+ 15:10 Иб. 1:17, Ирм. 34:18-19

+ 15:12 Ҳас. 2:21, 1 Подш. 26:12, Айюб 33:15

+ 15:13 Хур. 1:11, Хур. 12:40, Аъм. 7:6

+ 15:14 Хур. 11:3, Аъм. 7:7

+ 15:16 Так. Шар. 9:4, 3 Подш. 21:26

+ 15:18 Хур. 23:31, Ад. 34:1-12, Ех. 21:43, 3 Подш. 4:21, 2 Вак. 9:26

+ 16:5 Ҳас. 18:25, Ҳас. 31:53, 1 Подш. 24:13, 1 Подш. 24:16, Дов. 11:27

+ 16:7 Хур. 15:22

+ 17:5 Рум. 4:17

+ 17:12 Иб. 12:3

+ 18:5 Дов. 6:18-19

+ 18:10 Рум. 9:19

+ 18:12 1 Пет. 3:6

+ 18:14 Айюб 42:2, Ирм. 32:17, Мат. 19:26, Луқ. 1:37, 4 Подш. 4:16

+ 18:17 Ом. 3:7

+ 18:18 Ҳас. 12:3

+ 18:20 Ҳас. 13:13

+ 18:25 Ҳас. 16:5, Айюб 34:10, Заб. 91:16

+ 18:26 Иш. 65:8

+ 19:2 Айюб 31:32

+ 19:5 Дов. 19:22-24

+ 19:11 4 Подш. 6:18

+ 19:24 Айюб 18:15, Заб. 10:6, Ҳиз. 20:16, Ҳиз. 38:22, Луқ. 17:29

+ 20:2 Ҳас. 12:10-20

+ 20:7 1 Вақ. 16:22, Заб. 104:15, Айюб 42:8, Яъқ. 5:16

+ 20:17 Яъқ. 5:16

+ 21:3 Ҳас. 17:19

+ 21:4 Ҳас. 17:12-13

+ 21:9 Ғал. 4:29

+ 21:10 Юҳ. 8:35, Ғал. 4:30

+ 21:12 Рум. 9:7

+ 21:21 Ад. 10:12, 3 Подш. 11:18

+ 21:31 Ҳас. 26:33

+ 22:1 Заб. 10:5, Аъм. 9:10

+ 22:2 2 Вак. 3:1

+ 22:17 Ҳас. 15:5, 3 Подш. 4:20, Ирм. 33:22, Ибр. 6:13-14

+ 22:18 Ҳас. 12:3, Ҳас. 26:4, Аъм. 3:25

+ 22:23 Ҳас. 24:24

+ 23:2 Еҳ. 14:15, Дов. 1:10

+ 25:4 1 Вақ. 1:32-33

+ 25:10 Ҳас. 23:16-20

+ 25:15 1 Вақ. 1:29-31

+ 25:18 1 Подш. 15:7

+ 25:23 Ад. 24:18, 2 Подш. 8:14, 1 Вақ. 8:13, Рум. 9:12

+ 25:31 Так. Шар. 21:17

+ 25:34 Ибр. 12:16

+ 26:1 Ҳас. 12:10, Ҳас. 20:2

+ 26:3 Ҳас. 22:16-18, Еҳ. 21:43

+ 26:4 Хур. 32:13, Ҳас. 12:3, Ҳас. 22:18, Аъм. 3:25

+ 26:7 Ҳас. 12:13, Ҳас. 20:1-2

+ 26:15 Ҳас. 21:30

+ 26:29 Мас. 16:7

+ 26:34 Ҳас. 36:2-3

+ 27:3 Ҳас. 25:27-28

+ 27:28 Так. Шар. 33:13

+ 27:36 Ҳас. 25:33

+ 27:40 2 Подш. 8:14, 4 Подш. 8:20-22

+ 27:46 Ҳас. 26:35

+ 28:2 Ҳас. 22:23, Ҳас. 24:29-30

+ 28:4 Ех. 21:43

+ 28:9 Ҳас. 25:13, Ҳас. 36:3

+ 28:13 Ех. 21:43

+ 28:14 Ҳас. 12:3, Ҳас. 13:16, Ҳас. 22:18, Ҳас. 26:4

+ 28:18 Ҳас. 35:14, Ех. 4:1-10, 1 Подш. 7:12

+ 28:19 Ҳас. 35:6, Ҳас. 35:15, Ҳас. 48:3

+ 28:20 Ад. 21:2, Дов. 11:30, 1 Подш. 1:11, 2 Подш. 15:8

+ 28:22 Ҳас. 14:20, Иб. 27:30

+ 29:27 Дов. 14:12

+ 29:30 Иб. 18:18

+ 29:31 1 Подш. 1:19-20

+ 30:15 Иб. 18:18

+ 31:13 Ҳас. 28:20-22

+ 31:30 Дов. 18:24

+ 31:45 Ҳас. 28:18, Ҳас. 35:14, Ех. 24:26-27

+ 31:53 Ҳас. 16:5

+ 32:9 Ҳас. 31:3

+ 32:12 Ҳас. 28:14-15

+ 32:28 Ҳас. 35:10

+ 32:29 Дов. 13:18

+ 32:30 Хур. 24:10, Хур. 33:20, Юҳ. 1:18

+ 33:18 Ҳас. 12:6

+ 33:19 Еҳ. 24:32, Айюб 42:11

+ 34:7 Дов. 20:6, 2 Подш. 13:12

+ 34:8 Так. Шар. 22:28

+ 34:12 1 Подш. 18:25

+ 34:14 Еҳ. 5:9

+ 35:1 Ҳас. 28:10-22

+ 35:4 Еҳ. 24:26, Дов. 9:6

+ 35:7 Ҳас. 28:19

+ 35:8 Ҳас. 24:59

+ 35:10 Ҳас. 32:28

+ 35:11 Ҳас. 17:6

+ 35:14 Ҳас. 28:18, Ҳас. 31:45

+ 35:15 Ҳас. 28:19

+ 35:17 1 Подш. 4:20

+ 35:19 Рут 1:2, Мик. 5:2

+ 35:22 Ҳас. 49:4, Иб. 20:11

+ 35:27 Ех. 14:15, Дов. 1:10, Ҳас. 13:18, Ҳас. 23:2

+ 35:29 Ҳас. 25:8

● 36:1 *1 Вақ. 1:35-37*

+ 36:1 Ҳас. 25:30

+ 36:3 Ҳас. 26:34, Ҳас. 28:9

+ 36:12 Хур. 17:8

● 36:20 *1 Вақ. 1:38-42*

+ 36:20 Ҳас. 14:6, Так. Шар. 2:12

● 36:31 *1 Вақ. 1:43-51*

\+ 36:33 Иш. 34:6, Иш. 63:1

\+ 36:34 Ҳас. 36:15, Айюб 2:11, Ҳиз. 25:13

\+ 36:40 1 Вақ. 1:51-54

\+ 37:13 Ҳас. 33:18

\+ 37:14 1 Подш. 17:18

\+ 37:17 4 Подш. 6:13

\+ 37:24 Ирм. 38:6, Зак. 9:11

\+ 37:27 Ҳас. 25:12-16

\+ 37:34 Айюб 1:20

\+ 38:8 Так. Шар. 25:5-6

\+ 38:24 Иб. 21:9

\+ 38:26 Иб. 18:15

\+ 39:1 Ҳас. 37:36

\+ 39:9 Хур. 20:14

\+ 39:15 Хур. 20:16

+ 39:21 Дон. 1:10

+ 40:5 Нах. 1:11

+ 40:8 Дон. 2:28

+ 40:20 Марк. 6:21

+ 40:22 Эст. 7:10

+ 41:8 Дон. 2:1-2

+ 41:12 Дон. 1:17

+ 41:16 Дон. 2:30

+ 41:30 4 Подш. 8:1

+ 41:38 Дон. 4:5, Дон. 5:11

+ 41:40 Эст. 10:3

+ 41:42 Эст. 3:10, Эст. 8:2

+ 41:45 Ҳас. 46:20, Иш. 19:18, Ҳиз. 30:17

+ 41:54 Ҳас. 12:10

+ 42:6 Мас. 11:26

+ 42:9 Ҳас. 37:5-11

+ 42:22 Ҳас. 37:21-22

+ 43:32 Ҳас. 46:34

+ 44:20 Ҳас. 37:3

+ 46:1 Ҳас. 26:33

+ 46:4 Ҳас. 50:13

● 46:8 *1 Вақ. 2:1-5*

+ 46:8 Хур. 6:14-16

+ 46:9 Хур. 6:14, Ад. 26:5-6, 1 Вақ. 5:3

+ 46:10 Ад. 26:13

+ 46:11 Ад. 3:17, Ад. 26:57

+ 46:12 Ҳас. 38, Ад. 26:19

+ 46:13 Ад. 26:23-24, 1 Вақ. 7:1

+ 46:14 Ад. 26:26

+ 46:16 Ад. 26:15

+ 46:17 Ад. 26:44-46, 1 Вақ. 7:30-40

+ 46:20 Ҳас. 41:45, Иш. 19:18, Ҳиз. 30:17, Ад. 26:28-37

+ 46:21 Ад. 26:38-41, 1 Вақ. 7:6-12, 1 Вақ. 8:1-5

+ 46:23 Ад. 26:42

+ 46:24 Ад. 26:48-49, 1 Вақ. 7:13

+ 46:27 Хур. 1:5

+ 46:34 Ҳас. 43:32, Хур. 8:26

+ 47:9 Айюб 14:1, Заб. 89:10

+ 47:11 Хур. 1:11, Хур. 12:37

+ 47:30 Ҳас. 50:13

+ 47:31 3 Подш. 1:47

+ 48:4 Ҳас. 28:12-15, Ҳас. 35:9-12

+ 48:5 Еҳ. 14:4

+ 48:7 Ҳас. 35:19, Рут 1:2

+ 48:19 Ад. 1:33, Ад. 1:35, Так. Шар. 33:17, Еҳ. 17:14

● 49:1 *Так. Шар. 33:1-24*

+ 49:4 Ҳас. 35:22, Иб. 18:7, Ҳиз. 22:10

+ 49:5 Ҳас. 34:25-29

+ 49:7 Ад. 35:2, Еҳ. 19:9

+ 49:8 1 Вақ. 28:4

+ 49:9 Ваҳй 5:5, Ад. 23:24, Ад. 24:9

+ 49:10 Ад. 24:17

+ 49:13 Еҳ. 19:10-16

+ 49:16 Ҳас. 30:6

+ 49:17 Дов. 18:27

+ 49:18 Заб. 118:166

+ 49:24 Заб. 22:1

+ 49:26 Так. Шар. 33:15, Ҳаб. 3:6, Так. Шар. 33:13-17

+ 49:27 Дов. 20:21, Дов. 20:25

+ 49:31 Ҳас. 23:16-19, Ҳас. 35:29

+ 50:13 Ҳас. 23:16

+ 50:23 Ад. 32:39

+ 50:24 Хур. 3:16-17

+ 50:25 Хур. 13:19

*КИТОБИ ДУЮМИ МУСО*

# ХУРУҶ


1 2 3 4 5 6 7 8 9 10
11 12 13 14 15 16 17 18 19 20
21 22 23 24 25 26 27 28 29 30
31 32 33 34 35 36 37 38 39 40

## Исроил дар Миср.

1 [1] Ва ин аст номҳои банӣ-Исроил, ки ба Миср омаданд, ҳар яке
бо аҳли байти худ ҳамроҳи Яъқуб омаданд.
[2] Реубен, Шимъӯн, Левӣ ва Яҳудо,
[3] Иссокор, Забулун ва Биньёмин,
[4] Дон ва Нафтолӣ, Ҷод ва Ошер+.
[5] Ва тамоми нуфусе ки аз камари Яъқуб ба вуҷуд омаданд, ҳафтод
нафар буданд; ва Юсуф дар Миср буд+.
[6] Ва Юсуф ва ҳамаи бародаронаш ва тамоми он насл мурданд.

## Зери юғи сахти ғуломӣ.

[7] Ва банӣ-Исроил борвар шуданд ва афзоиш ёфтанд, ва сершумор
ва ниҳоятдараҷа пурзӯр гардиданд; ва замин аз онҳо пур шуд.
[8] Ва подшоҳи наве бар Миср бархост, ки Юсуфро намешинохт,+
[9] Ва ба қавми худ гуфт: «Инак, қавми банӣ-Исроил аз мо
сершумортар ва пурзӯртаранд.
[10] Биеёд, ба зидди онҳо тадбири пурҳикмате биандешем, то ки
афзоиш наёбанд; вагар на, вақте ки ҷанге ба вуқӯъ ояд, онҳо низ ба
душманони мо ҳамроҳ шуда, ба муқобили мо ҷанг хоҳанд кард, ва аз
мамлакат берун хоҳанд рафт».
[11] Ва саркорони меҳнати маҷбуриро бар онҳо таъин карданд, то ки
онҳоро бо корҳои сахт ба танг оваранд; ва онҳо барои фиръавн
шаҳрҳои захираҳо — Фитум ва Раамсисро бино карданд+.
[12] Вале ҳар қадар зиёдтар онҳоро ба танг меоварданд, ҳамон қадар
бештар онҳо афзоиш ёфта, сершумор мегардиданд, ба тавре ки
мисриён аз банӣ-Исроил бим доштанд,
[13] Ва банӣ-Исроилро бо зулму зӯрӣ кор мефармуданд.
[14] Ва зиндагонии онҳоро бо меҳнати сахти гилкорӣ ва хиштрезӣ ва
бо ҳар кори саҳро талх мегардониданд; ҳар навъ кори худро ба
гардани онҳо бо зулму зӯрӣ бор мекарданд.
[15] Ва подшоҳи Миср ба дояҳои ибрӣ, ки номи яке Шифро ва номи
дигаре Фуо буд, амр фармуда,
[16] Гуфт: «Вақте ки занони ибриро мезоёнед, ба сангҳои зоёниш
нигоҳ кунед: агар писар бошад, ӯро бикушед, ва агар духтар бошад, —
бигзор зинда монад».

[17] Вале дояҳо аз Худо тарсиданд, ва он чиро, ки подшоҳи Миср ба
онҳо амр фармуда буд, ба амал наоварданд, ва писаронро зинда
гузоштанд.
[18] Ва подшоҳи Миср дояҳоро хонда, ба онҳо гуфт: «Чаро ин корро
кардед, ва писаронро зинда гузоштед?»
[19] Ва дояҳо ба фиръавн гуфтанд: «Занони ибрӣ, охир, мисли
занони мисрӣ нестанд, балки бақувватанд, ва пеш аз он ки доя назди
онҳо биёяд, мезоянд».
[20] Ва Худо ба дояҳо марҳамат кард; ва қавм афзоиш ёфта, бағоят
пурзӯр гардиданд.
[21] Ва азбаски дояҳо аз Худо тарсиданд, Ӯ барояшон аҳли байт ба
вуҷуд овард.
[22] Ва фиръавн ба тамоми қавми худ амр фармуда, гуфт: «Ҳар
писареро, ки таваллуд ёбад, ба наҳр андозед, ва ҳар духтарро зинда
нигоҳ доред».

## Таваллуди Мусои раҳокунанда.

**2** 1 Ва касе аз хонадони Левӣ рафта, духтари левизодаро ба занӣ
гирифт+.
2 Ва он зан ҳомила шуда, писаре зоид; ва чун ӯро дид, ки
зеботалъат аст, ӯро се моҳ пинҳон дошт.
3 Вале натавонист дигар ӯро пинҳон дорад, сабаде аз қамиш барои
ӯ гирифт, ва онро бо қир ва зифт андовид, ва бачаро дар он монд, ва
онро дар қамишзори лаби наҳр гузошт.
4 Ва хоҳари ӯ аз дур истод, то бидонад, ки ҳоли ӯ чӣ мешавад.
5 Ва духтари фиръавн барои шустушӯй ба наҳр фурӯд омад, ва
канизонаш дар соҳили наҳр мегаштанд; вай сабадро андаруни
қамишзор дида, канизи худро фиристод, то ки онро бигирад.
6 Ва онро кушода, бачаро дид, ва инак, кӯдак гирья мекард; ва
раҳмаш ба ӯ омада, гуфт: «Ин аз бачаҳои ибриён аст».
7 Ва хоҳари ӯ ба духтари фиръавн гуфт: «Оё рафта, зани
ширдореро аз занони ибриён назди ту бихонам, то ки бачаро барои
ту шир диҳад?»
8 Ва духтари фиръавн ба вай гуфт: «Бирав». Ва он дӯшиза рафта,
модари бачаро хонд.
9 Ва духтари фиръавн ба ӯ гуфт: «Ин бачаро бибар, ва ӯро барои
ман бимакон, ва ман муздатро хоҳам дод». Ва он зан бачаро гирифта,
маконид.
10 Ва бача калон шуд, ва ӯро ба духтари фиръавн овард, ва ӯ барои
вай писар шуд; ва ӯро Мусо ном монда, гуфт: «Зеро ки ӯро аз даруни
об баровардаам».

## Мусо ба қавми худ амин аст.

11 Ва дар он айём чунин воқеъ шуд, ки Мусо калон шуда, назди
бародарони худ берун омад, ва корҳои сахти онҳоро мушоҳида
намуд; ва марди мисриеро дид, ки марди ибриро, ки аз бародарони ӯ
буд, мезанад.
12 Ва ба ҳар тараф назар андохт, ва чун дид, ки касе нест, он
мисриро кушта, дар рег пинҳон кард.
13 Ва рӯзи дигар берун омад, ва инак, ду марди ибрӣ ҷидол
мекунанд, ва ӯ ба шарир гуфт: «Чаро ёри худро мезанӣ?»

14 Вай гуфт: «Кист, ки туро бар мо сардор ва довар таъин
намудааст? Оё ту қасд дорӣ маро бикушӣ, чунон ки он мисриро
куштӣ?» Ва Мусо тарсид ва дар дили худ гуфт: «Яқин аст, ки он
ҳодиса маълум шудааст».

## Гурехтани Мусо ва зан гирифтанаш.

15 Ва фиръавн ин ҳодисаро шунида, мехост Мусоро ба қатл
расонад; ва Мусо аз пеши фиръавн гурехта, дар замини Мидьён
маскан гирифт, ва назди чоҳе биншаст.
16 Ва коҳини Мидьён ҳафт духтар дошт; ва онхо омаданд, ва об
кашида, тағораҳоро пур карданд, то ки рамаи падари худро об
диҳанд.
17 Ва чӯпонон омада, онҳоро ҳай карданд; ва Мусо бархоста,
онҳоро муҳофизат намуд, ва рамаи онҳоро об дод.
18 Ва онҳо назди падари худ Рауил омаданд; ва ӯ гуфт: «Чӣ тавр
шумо имрӯз бо зудӣ омадед?»+
19 Ва онҳо гуфтанд: «Марди мисрие моро аз дасти чӯпонон раҳо
кард, ва низ барои мо об кашида, рамаро об дод».
20 Ва ӯ ба духтаронаш гуфт: «Пас, вай куҷост? Чаро он мардро тарк
кардед? Варо бихонед, то ки нон хӯрад».
21 Ва Мусо розӣ шуд, ки назди он мард маскан гирад; ва ӯ духтари
худ Сифӯраро ба Мусо дод.
22 Вай писаре зоид, ва ӯ номашро Ҷершӯн монд, зеро ки гуфт: «Дар
замини бегона ғариб будам».
23 Ва чунин воқеъ шуд, ки баъд аз айёми зиёде подшоҳи Миср
мурд, ва банӣ-Исроил аз кори сахт оҳу воҳ карда, фиғон кашиданд, ва
истиғосаи онҳо аз кори сахт сӯи Худо баромад.
24 Ва Худо нолаи онҳоро шунид, ва Худо аҳди Худро, ки бо
Иброҳим, Исҳоқ ва Яъқуб баста буд, ба ёд овард+.
25 Ва Худо ба ҳоли банӣ-Исроил назар андохт, ва Худо ғамхорӣ
намуд+.

## Даъват шудани Мусо; буттаи фурӯзон.

**3** [1] Ва Мусо рамаи падарарӯси худ Йитрӯ, коҳини Мидьёнро
мечаронид, ва рамаро ба он тарафи биёбон бурд, ва ба Ҳӯриб, ки
кӯҳи Худо бошад, омад+.
[2] Ва фариштаи Худованд дар алангаи оташ аз миёни хорбуттае ба
вай зоҳир шуд; вай дид, ки инак хорбутта дар оташ фурӯзон аст,
валекин хорбутта намесӯзад.
[3] Ва Мусо гуфт: «Наздик омада, ин манзараи аҷоибро бубинам, ки
чаро хорбутта намесӯзад».
[4] Ва Худованд дид, ки вай барои дидан наздик меояд, ва Худо аз
миёни хорбутта сӯи вай хонда, гуфт: «Мусо, Мусо!» Вай гуфт:
«Лаббай!»
[5] Ва Ӯ гуфт: «Ба ин ҷо наздик наой; кафшҳоятро аз пойҳоят бикаш,
зеро маконе ки ту дар он истодаӣ, замини муқаддас аст»+.
[6] Ва гуфт: «Ман Худои падарат ҳастам, Худои Иброҳим, Худои
Исҳоқ ва Худои Яъқуб». Ва Мусо рӯи худро пӯшонид, зеро ки аз нигоҳ
кардан ба Худо тарсид+.
[7] Ва Худованд гуфт: «Мазаллати қавми Худро дар Миср дидам, ва
фиғони онҳоро аз дасти зулмкунандагонашон шунидам, ба тавре ки
дарду озори онҳоро медонам.
[8] Ва фурӯд омадам, то ки онҳоро аз дасти мисриён раҳо кунам, ва
онҳоро аз он замин ба замини некӯ ва фарох барорам, ба замине ки
шир ва асал дар он ҷорист, яъне ба макони канъониён, ва ҳиттиён, ва
амӯриён, ва фаризиён, ва ҳиввиён, ва ябусиён+.
[9] Ва алҳол, инак истиғосаи банӣ-Исроил сӯи Ман расидааст; ва низ
зулмеро, ки мисриён ба онҳо мекунанд, дидаам+.
[10] Ва алҳол биё, ки туро назди фиръавн бифиристам, то ки қавми
Ман — банӣ-Исроилро аз Миср берун оварӣ».
[11] Ва Мусо ба Худо гуфт: «Ман кистам, ки назди фиръавн равам ва
банӣ-Исроилро аз Миср берун оварам?»
[12] Ва Ӯ гуфт: «Ман бо ту хоҳам буд, ва ин аст аломати он ки Ман
туро фиристодаам: вақте ки қавмро аз Миср берун оварӣ, Худоро бар
ин кӯҳ ибодат хоҳед кард»+.

## Худованд исми Худро эълон менамояд.

[13] Ва Мусо ба Худо гуфт: «Инак, ман назди банӣ-Исроил омада, ба
онҳо мегӯям: „Худои падаронатон маро назди шумо фиристодааст“.
Ва онҳо ба ман хоҳанд гуфт: „Исми Ӯ чист?“ Ба онҳо чӣ гӯям?»
[14] Ва Худо ба Мусо гуфт: «Ман Воҷибулвуҷуд ҳастам». Ва гуфт: «Ба
банӣ-Исроил чунин бигӯ: „Воҷибулвуҷуд маро назди шумо
фиристод“»+.

## Хизмати Мусо.

[15] Ва Худо боз ба Мусо гуфт: «Ба банӣ-Исроил чунин бигӯ:
„Худованд Худои падаронатон, Худои Иброҳим, Худои Исҳоқ ва
Худои Яъқуб, маро назди шумо фиристод“. Ин аст исми Ман то абад,
ва ин аст зикри Ман аз насл ба насл.
[16] Бирав, ва пирони Исроилро ҷамъ карда, ба онҳо бигӯ: „Худованд
Худои падаронатон, Худои Иброҳим, Исҳоқ ва Яъқуб, ба ман зоҳир
шуда, гуфт: «Ман шуморо тафаққуд намудаам, ва он чиро, ки дар
ҳаққи шумо дар Миср ба амал оварда мешавад, дидаам.
[17] Ва гуфтаам: шуморо аз азобу уқубати Миср ба замини
канъониён, ва ҳиттиён, ва амӯриён, ва фариззиён, ва ҳиввиён, ва
ябусиён хоҳам баровард, ба замине ки шир ва асал дар он ҷорист»“.
[18] Ва ба овози ту гӯш хоҳанд дод; ва ту ва пирони Исроил назди
подшоҳи Миср рафта, ба вай хоҳед гуфт: „Худованд Худои ибриён ба
мо зоҳир шудааст; ва алҳол мо серӯза роҳ ба биёбон хоҳем рафт, то
ки барои Худованд Худои худ қурбонӣ кунем“.
[19] Ва Ман медонам, ки подшоҳи Миср ба рафтани шумо изн
нахохад дод, магар ин ки дасти қавӣ ӯро маҷбур кунад.
[20] Ва дасти Худро ёзонида, Мисрро бо тамоми мӯъҷизоти Худ, ки
андаруни он ба амал меоварам, зарба хоҳам зад; ва баъд аз он вай
шуморо равона хоҳад кард+.
[21] Ва ин қавмро дар назари мисриён мӯътабар хоҳам гардонид; ва
ҳангоме ки биравед, тиҳидаст нахоҳед рафт,+
[22] Балки ҳар зан аз ҳамсояи худ ва аз сокинаи хонаи худ колои
нуқра ва колои тилло ва либос хоҳад пурсид; ва ба писарон ва
духтарони худ хоҳед пӯшонид, ва мисриёнро тороҷ хоҳед кард».

## Ба Мусо мӯъҷизакорӣ ато мешавад.

## Эроди ӯ: 1. Нобоварии қавм.

4 [1] Ва Мусо ҷавоб дода, гуфт: «Валекин онҳо ба ман бовар нахоҳанд кард, ва ба овози ман гӯш нахоҳанд дод, зеро ки хоҳанд гуфт: „Худованд ба ту зоҳир нашудааст“».

[2] Ва Худованд ба вай гуфт: «Ин чист дар дастат?» Вай гуфт: «Асо».

[3] Ва Ӯ гуфт: «Онро ба замин парто!» Вай онро ба замин партофт, ва он ба море мубаддал шуд; ва Мусо аз пеши он гурехт.

[4] Ва Худованд ба Мусо гуфт: «Дастатро ёзонида, аз думаш бигир». Вай дасташро ёзонида, онро гирифт, ва он дар дасташ ба асо мубаддал шуд.

[5] «Ин корро бикун, то бовар кунанд, ки Худованд Худои падаронашон, Худои Иброҳим, Худои Исҳоқ ва Худои Яъқуб ба ту зоҳир шудааст».

[6] Ва Худованд боз ба вай гуфт: «Дастатро зери бағалат бимон». Вай дасташро зери бағалаш монд; ва онро баровард, ва инак, дасташ аз махав мисли барф шудааст.

[7] Ва Ӯ гуфт: «Дастатро боз ба бағалат бимон». Вай дасташро боз ба бағалаш монд; ва онро аз бағалаш баровард, ва инак, он боз мисли баданаш солим шудааст.

[8] «Ва агар онҳо ба ту бовар накунанд, ва ба овози аломати якум гӯш надиҳанд, — ба овози аломати дуюм бовар хоҳанд кард.

[9] Вале агар ба ҳар дуи ин аломатҳо ҳам бовар накунанд, ва ба овози ту гӯш надиҳанд, — он гоҳ аз оби наҳр гирифта, бар хушкӣ бирез; ва обе ки аз наҳр гирифтаӣ, бар хушкӣ ба хун мубаддал хоҳад шуд».

## Эроди Мусо: 2. Сақав буданаш.

[10] Ва Мусо ба Худованд гуфт: «Лутфан, эй Худованд! Ман шахси сухандон нестам, на аз дирӯз, на аз парирӯз, на аз вақте ки Ту ба бандаи Худ сухан гуфтӣ, зеро ки ман тутила ва сақав ҳастам»+.

[11] Ва Худованд ба вай гуфт: «Кист, ки забон ба одам дод? Ё кист, ки гунг, ё кар, ё бино, ё нобиноро офарид? Оё на Ман, ки Худованд ҳастам+?

[12] Ва алҳол бирав, ва Ман бо забонат хоҳам буд ва туро хоҳам
омӯхт, ки чӣ бояд бигӯӣ».
[13] Вай гуфт: «Лутфан, эй Худованд, бифирист ба воситаи ҳар каси
дигар!»

## Ҳорун ба мадади Мусо гузошта шуд.

[14] Ва хашми Худованд бар Мусо аланга зад, ва Ӯ гуфт: «Бародарат,
охир, Ҳоруни левизода аст; медонам, ки ӯ ба яқин сухан меронад; ва
инак, ӯ низ ба истиқболи ту меояд, ва туро дида, дилшод хоҳад шуд.
[15] Ва ту бо ӯ сухан ронда, суханонро ба забонаш талқин хоҳӣ кард;
ва Ман бо забони ту ва забони ӯ хоҳам буд, ва шуморо хоҳам омӯхт,
ки чӣ бояд бикунед.
[16] Ва ӯ бо амри ту ба қавм сухан хоҳад ронд; ва ӯ барои ту мисли
забон хоҳад буд, ва ту барои ӯ мисли Худо хоҳӣ буд.
[17] Ва ин асоро ба дастат бигир, ки ба воситаи он ту аломатҳо ба
амал хоҳӣ овард».
[18] Ва Мусо рафта, назди падарарӯсаш Йитрӯ баргашт, ва ба вай
гуфт: «Ман рафта, назди бародаронам, ки дар Миср мебошанд,
бармегардам, то бубинам, ки оё ҳанӯз зинда ҳастанд?» Ва Йитрӯ ба
Мусо гуфт: «Ба саломатӣ бирав».

## Мусо ба Миср бармегардад ва ба қавм озодиро пешгӯӣ мекунад.

[19] Ва Худованд дар Мидьён ба Мусо гуфт: «Рафта, ба Миср баргард,
зеро ҳамаи онҳое ки қасди ҷони ту доштанд, мурдаанд»+.
[20] Ва Мусо занаш ва писаронашро гирифта, ба хар савор кард, ва ба
замини Миср баргашт; ва Мусо асои Худоро ба дасти худ гирифт.
[21] Ва Худованд ба Мусо гуфт: «Вақте ки рафта ба Миср баргаштӣ,
диққат намо, ки тамоми мӯъҷизотеро, ки ба дастат супурдаам, ба
ҳузури фиръавн ба амал оварӣ; ва Ман дили варо сахт хоҳам кард, то
ки қавмро равона накунад+.
[22] Ва ба фиръавн бигӯ: „Худованд чунин мегӯяд: Исроил писари
нахустзодаи Ман аст;+
[23] Ва ба ту мегӯям: писарамро равона кун, то ки Маро ибодат
намояд, ва агар ба равона карданаш розӣ нашавӣ, инак, Ман писари
нахустзодаи туро мекушам“».

24 Ва дар миёни роҳ чунин вокеъ шуд, ки дар манзилгоҳ Худованд
бо вай вохӯрда, қасди куштани вай кард.
25 Он гоҳ Сифӯра корди сангие гирифта, ғилофаки писари худро
бурид, ва онро ба пои Мусо расонида, гуфт: «Ту барои ман шавҳари
хун шудӣ».
26 Ва Ӯ аз вай даст кашид. Он гоҳ занаш гуфт: «Шавҳари хун шудӣ,
— ба сабаби хатна».
27 Ва Худо ба Ҳорун гуфт: «Ба истиқболи Мусо сӯи биёбон бирав».
Вай равона шуд ва назди кӯҳи Худо бо ӯ вохӯрда, ӯро бӯса кард.
28 Ва Мусо ба Ҳорун аз ҳамаи суханони Худованд, ки ӯро
фиристода буд, ва аз тамоми аломоте ки ба ӯ амр фармуда буд, хабар
дод.
29 Ва Мусо ва Ҳорун рафта, ҳамаи пирони банӣ-Исроилро ҷамъ
карданд.
30 Ва Ҳорун ҳамаи суханонеро, ки Худованд ба Мусо гуфта буд,
нақл намуд, ва он аломотро пеши назари қавм ба амал овард.
31 Ва қавм имон оварданд; ва чун фаҳмиданд, ки Худованд банӣ-
Исроилро тафаққуд намуда, мазаллати онҳоро дидааст, онҳо сар хам
карда, саҷда бурданд.

## Мубоҳиса бо фиръавн; зулму ситам дар ҳаққи қавм пурзӯр мешавад.

5 1 Ва баъд аз ин Мусо ва Ҳорун омада, ба фиръавн гуфтанд:
«Худованд Худои Исроил чунин мегӯяд: „Қавми Маро равона кун,
то ки барои Ман дар биёбон ид кунанд“».
2 Ва фиръавн гуфт: «Худованд кист, ки ба овозаш гӯш дода,
Исроилро равона кунам? Худовандро намешиносам, ва Исроилро низ
равона нахоҳам кард»+.
3 Ва онҳо гуфтанд: «Худои ибриён ба мо зоҳир шудааст; пас мо
бояд роҳи серӯзаро дар биёбон тай намуда, барои Худованд Худои
худ қурбонӣ кунем, мабодо моро Ӯ бо вабо ё бо шамшер зарба занад».
4 Ва подшоҳи Миср ба онҳо гуфт: «Чаро шумо, эй Мусо ва Ҳорун,
қавмро аз корҳошон бозмедоред? Ба корубори худ биравед».
5 Ва фиръавн гуфт: «Инак, алҳол қавми мамлакат сершуморанд, ва
шумо онҳоро аз корҳошон бозмедоред».
6 Ва фиръавн дар он рӯз ба корфармоёни қавм ва ба нозирони
онҳо амр фармуда, гуфт:
7 «Минбаъд ба қавм барои хиштрезӣ, мисли пештара, коҳ надиҳед;
бигзор худашон рафта, барои худ коҳ ҷамъ кунанд.
8 Ва ҳамон миқдори хиштҳоро, ки онҳо пештар мерехтанд, ба
гардани онҳо бор кунед, онро ба ҳеҷ ваҷҳ кам накунед, зеро ки онҳо
танбаланд, бинобар ин дод зада мегӯянд: „Биравем, то ки барои
Худои худ қурбонӣ кунем“.
9 Бигзор меҳнати ин одамон сахттар шавад, то ки бо он банд шуда,
барои суханони бекора фурсат наёбанд».
10 Ва корфармоёни қавм ва нозирони онҳо берун омаданд, ва ба
қавм сухан ронда, гуфтанд: «Фиръавн чунин мегӯяд: „Ба шумо коҳ
намедиҳам;
11 Худатон рафта, коҳ барои худ аз ҳар ҷо, ки биёбед, бигиред; ва аз
кори шумо чизе кам нахоҳад шуд“».
12 Ва қавм дар тамоми замини Миср пароканда шуданд, то ки ба
ҷои коҳ хасу хошок ҷамъ кунанд.
13 Ва корфармоён шитоб кунонида, мегуфтанд: «Корҳои худро ба
миқдори ҳаррӯза, мисли он замоне ки коҳ буд, иҷро кунед».

14 Ва нозиронеро, ки аз банӣ-Исроил бар онҳо корфармоёни
фиръавн таъин карда буданд, мезаданд ва мегуфтанд: «Чаро
миқдори хиштрезии худро ҳам дирӯз ва ҳам имрӯз мисли пештара
ичро накардед?»
15 Ва нозирони банӣ-Исроил омаданд, ва назди фиръавн шикоят
карда, гуфтанд: «Чаро ба бандагонат чунин рафтор мекунӣ?
16 Коҳ ба бандагонат намедиҳанд, вале ба мо мегӯянд: „Хишт
бирезед!“ Ва инак, бандагонатро мезананд, ва ин гуноҳи қавми туст».
17 Ва ӯ гуфт: «Шумо танбал ҳастед, танбал; бинобар ин шумо
мегӯед: „Биравем, то ки барои Худованд қурбонӣ кунем“;
18 Ва алҳол рафта, кор кунед! Ва коҳ ба шумо дода нахоҳад шуд, ва
миқдори хиштҳоро хоҳед дод».
19 Ва нозирони банӣ-Исроил худро гирифтори мусибат диданд,
чунки фиръавн гуфт: «Аз миқдори ҳаррӯзаи хиштҳои худ ба ҳеч ваҷҳ
кам накунед».
20 Ва ҳангоме ки аз пеши фиръавн берун омаданд, бо Мусо ва
Ҳорун вохӯрданд, ки дар рӯ ба рӯяшон истода буданд.
21 Ва ба онҳо гуфтанд: «Бигзор Худованд шуморо бубинад ва
доварӣ намояд, аз барои он ки моро дар назари фиръавн ва
навкаронаш нафратангез гардонида, шамшер ба дасташон додаед, то
ки моро бикушанд».
22 Ва Мусо сӯи Худованд руҷӯъ намуда, гуфт: «Худовандо, чаро ин
қавмро гирифтори мусибат кардӣ? Барои чӣ маро фиристодӣ+?
23 Зеро аз вақте ки ман назди фиръавн омадам, то ки аз исми Ту
сухан ронам, муносибати вай ба ин қавм бадтар шудааст, валекин Ту
қавми Худро раҳо накардӣ».

## Ҷавоби Худованд ба илтимоси якуми Мусо.

6 1 Ва Худованд ба Мусо гуфт: «Алҳол хоҳӣ дид, ки Ман ба
фиръавн чиҳо мекунам; зеро ки бо амали дасти қавии Ман вай
онҳоро равона хоҳад кард, ва бо амали дасти қавии Ман онҳоро аз
замини худ бадар хоҳад ронд».
2 Ва Худо ба Мусо сухан ронда, ба ӯ гуфт: «Ман Худованд ҳастам.
3 Ман ба Иброҳим, Исҳоқ ва Яъқуб бо исми „Худои Қодир“ зоҳир
шудам, вале бо исми Худ „Худованд“ ба онҳо маъруф нашудаам+.
4 Ва низ аҳди Худро бо онҳо бастам, то ки замини Канъонро ба
онҳо диҳам, яъне замини сукунати онҳоро, ки дар он сокин буданд.
5 Ва Ман низ нолаи банӣ-Исроилро шунидам, ки мисриён онҳоро
гирифтори асорат кардаанд; ва Ман аҳди Худро ба ёд овардам.
6 Бинобар ин ба банӣ-Исроил бигӯ: „Ман Худованд ҳастам, ва
шуморо аз зери ситамҳои мисриён берун хоҳам овард, ва шуморо аз
бандагии онҳо раҳо хоҳам кард, ва шуморо бо бозуи тӯлонӣ ва бо
довариҳои азим наҷот хоҳам дод.
7 Ва шуморо хоҳам гирифт, то ки барои Ман қавм бошед, ва Ман
барои шумо Худо хоҳам буд; ва шумо хоҳед донист, ки Ман Худованд
Худои шумо ҳастам, ки шуморо аз зери ситамҳои мисриён берун
овардам+.
8 Ва шуморо ба замине хоҳам овард, ки дар бораи он даст боло
карда қасам хӯрдаам, ки онро ба Иброҳим, Исҳоқ ва Яъқуб диҳам, ва
онро ба шумо мерос хоҳам дод; Ман Худованд ҳастам“»+.
9 Ва Мусо ба банӣ-Исроил ба ин мазмун сухан ронд; вале онҳо ба
сабаби шикастадилӣ ва меҳнати сахт ба Мусо гӯш надоданд.
10 Ва Худованд ба Мусо сухан ронда, гуфт:
11 «Рафта, ба фиръавн, подшоҳи Миср, бигӯ, ки банӣ-Исроилро аз
замини худ равона кунад».
12 Ва Мусо ба ҳузури Худованд сухан ронда, гуфт: «Инак, банӣ-
Исроил ба ман гӯш надоданд, пас чӣ гуна фиръавн ба ман гӯш хоҳад
дод? Ва ҳол он ки ман даҳанбаста ҳастам».
13 Ва Худованд ба Мусо ва Ҳорун сухан ронда, онҳоро сӯи банӣ-
Исроил ва сӯи фиръавн, подшоҳи Миср, муваккал намуд, то ки банӣ-
Исроилро аз замини Миср берун оваранд.

## Насабномаи сибтҳои Исроил.

14 Инҳоянд сардорони хонаводаҳои онҳо: писарони Реубен,
нахустзодаи Исроил: Ҳанӯх ва Фаллу, Ҳесрӯн ва Кармӣ; инҳоянд
хонаводаҳои Реубен+.
15 Ва писарони Шимъӯн: Ямуил, ва Ёмин, ва Ӯҳад, ва Ёкин, ва
Сӯҳар, ва Шоул, писари канъония; инҳоянд хонаводаҳои Шимъӯн+.
16 Ва ин аст номҳои писарони Левӣ бар ҳасби наслҳошон: Ҷершӯн,
ва Қаҳот, ва Марорӣ. Ва солҳои умри Левӣ: саду сию ҳафт сол+.
17 Писарони Ҷершӯн: Либнӣ ва Шимъӣ бар ҳасби хонаводаҳошон.
18 Ва писарони Қаҳот: Амром, ва Йисҳор, ва Ҳебрӯн, ва Узиил. Ва
солҳои умри Қаҳот: саду сию се сол.
19 Ва писарони Марорӣ: Маҳлӣ ва Мушӣ. Инҳоянд хонаводаҳои
Левӣ бар ҳасби наслҳошон+.
20 Ва Амром аммаи худ Юкобадро барои худ ба занӣ гирифт, ва вай
барои ӯ Ҳорун ва Мусоро зоид; ва солҳои умри Амром: саду сию ҳафт
сол+.
21 Ва писарони Йисҳор: Қӯраҳ ва Нофаҷ, ва Зикрӣ+.
22 Ва писарони Узиил: Мишоил, ва Элсофон, ва Ситрӣ+.
23 Ва Ҳорун Элишобаъ бинти Аминодоб, хоҳари Наҳшӯнро барои
худ ба занӣ гирифт; ва вай барои ӯ Нодоб, ва Абиҳу, ва Элъозор, ва
Итоморро зоид+.
24 Ва писарони Қӯраҳ: Ассир, ва Элқоно, ва Абиософ; инҳоянд
хонаводаҳои қӯраҳиён+.
25 Ва Элъозор ибни Ҳорун барои худ аз духтарони Футиил ба занӣ
гирифт, ва вай барои ӯ Финҳосро зоид. Инҳоянд сардорони
хонаводаҳои левизодагон бар ҳасби наслҳошон+.
26 Ҳамин Ҳорун ва Мусо буданд, ки Худованд ба онҳо гуфт: «Банӣ-
Исроилро бар ҳасби фавҷҳошон аз замини Миср берун оваред».
27 Ҳаминҳо буданд, ки ба фиръавн, подшоҳи Миср, сухан ронданд,
то ки банӣ-Исроилро аз Миср берун оваранд; ҳамин Мусо ва Ҳорун
буданд.

## Худованд боз Мусоро мефиристад. Ба фиръавн рӯ овардани ӯ.

28 Ва дар рӯзе ки Худованд ба Мусо дар замини Миср сухан ронд, —
29 Худованд ба Мусо сухан ронда, гуфт: «Ман Худованд ҳастам; ҳар
он чиро, ки Ман ба ту мегӯям, ба фиръавн, подшоҳи Миср, бигӯ».

30 Ва Мусо ба ҳузури Худованд гуфт: «Инак, ман даҳанбаста
ҳастам; пас, чӣ гуна фиръавн ба ман гӯш хоҳад дод?»

7 [1] Ва Худованд ба Мусо гуфт: «Бубин, Ман туро барои фиръавн
Худо сохтаам, ва бародарат Ҳорун набии ту хоҳад буд.
[2] Ҳар он чиро, ки Ман ба ту амр фармоям, ту ба забон хоҳӣ ронд,
ва бародарат Ҳорун онро ба фиръавн хоҳад гуфт, то ки вай банӣ-
Исроилро аз замини худ равона кунад.
[3] Ва Ман дили фиръавнро сахт хоҳам кард; ва аломот ва
мӯъҷизоти Худро дар замини Миср афзун хоҳам намуд.
[4] Ва фиръавн ба шумо гӯш нахоҳад дод, ва Ман дасти Худро бар
Миср хоҳам андохт, то ки фавҷҳои Худ ва қавми Худ, яъне банӣ-
Исроилро аз замини Миср бо довариҳои азим берун оварам.
[5] Ва мисриён хоҳанд донист, ки Ман Худованд ҳастам, вақте ки
дасти Худро бар Миср дароз карда, банӣ-Исроилро аз миёни онҳо
берун меоварам».
[6] Ва Мусо ва Ҳорун ба амал оварданд; чунон ки Худованд ба онҳо
амр фармуда буд, ончунон амал карданд.
[7] Ва Мусо ҳаштодсола буд, ва Ҳорун ҳаштоду сесола, вақте ки онҳо
ба фиръавн сухан ронданд.
[8] Ва Худованд ба Мусо ва Ҳорун сухан ронда, гуфт:
[9] «Агар фиръавн ба шумо сухан ронда, гӯяд: „Мӯъҷизае ҳамчун
далели худ нишон диҳед“, он гоҳ ба Ҳорун бигӯ: „Асои худро
гирифта, пеши фиръавн парто, — он ба море мубаддал хоҳад шуд“».

## Бори дуюм ба фиръавн рӯ оварданашон; мӯъҷизаи якум.

[10] Ва Мусо ва Ҳорун назди фиръавн омаданд, ва чунон ки Худованд
амр фармуда буд, ончунон амал карданд, ва Ҳорун асои худро пеши
фиръавн ва пеши навкаронаш партофт, ва он ба море мубаддал шуд.
[11] Ва фиръавн низ ҳакимон ва ҷодугаронро даъват намуд, ва онҳо,
афсунгарони Миср, низ бо сеҳрҳои худ чунин карданд.
[12] Ҳар яке асояшро партофт, ва он ба море мубаддал шуд; вале асои
Ҳорун асоҳои онҳоро фурӯ бурд.
[13] Ва дили фиръавн сахт шуд, ва ӯ ба онҳо гӯш надод, чунон ки
Худованд гуфта буд.

## Бори сеюм ба фиръавн рӯ оварданашон; мӯъҷизаи дуюм.

[14] Ва Худованд ба Мусо гуфт: «Дили фиръавн сахт шудааст; вай
намехоҳад қавмро равона кунад.

[15] Бомдодон назди фиръавн бирав; инак, вай сӯи об берун меояд,
ва ту барои истиқболи вай дар соҳили наҳр биист; ва он асоро, ки ба
мор мубаддал шуд, ба дасти худ бигир.
[16] Ва ба вай бигӯ: „Худованд, Худои ибриён, маро назди ту
фиристода, гуфт: «қавми маро равона кун, то ки Маро дар биёбон
ибодат намоянд; ва инак, то алҳол ту гӯш надодӣ.
[17] Худованд чунин мегӯяд: аз ин хоҳӣ донист, ки Ман Худованд
ҳастам: инак, Ман бо асое ки дар дастам ҳаст, оби наҳрро мезанам, ва
он ба хун мубаддал хоҳад шуд;
[18] Ва моҳиёне ки дар наҳр ҳастанд, хоҳанд мурд, ва наҳр бадбӯй
хоҳад шуд, ва мисриён аз нӯшидани оби наҳр нафрат хоҳанд кард»“».
[19] Ва Худованд ба Мусо гуфт: «Ба Ҳорун бигӯ: „Асои худро бигир ва
дасти худро бар обҳои мисриён, бар наҳрҳои онҳо, бар ҷӯйҳои онҳо,
бар кӯлҳои онҳо ва бар ҳар обанбори онҳо дароз кун, — ва ба хун
мубаддал хоҳанд шуд; ва дар тамоми замини Миср, ва дар зарфҳои
чӯбин ва сангин хун хоҳад буд“».
[20] Ва Мусо ва Ҳорун ончунон, ки Худованд амр фармуда буд,
карданд: асоро бардошта, оби наҳрро пеши назари фиръавн ва пеши
назари навкаронаш зад; ва тамоми оби наҳр ба хун мубаддал шуд.
[21] Ва моҳиёне ки дар наҳр буданд, мурданд, ва наҳр бадбӯй шуд, ва
мисриён натавонистанд аз наҳр об нӯшанд, ва дар тамоми замини
Миср хун буд.
[22] Ва афсунгарони Миср ҳам бо сеҳрҳои худ чунин карданд; ва
дили фиръавн сахт шуд, ва ба онҳо гӯш надод, чунон ки Худованд
гуфта буд.
[23] Ва фиръавн тоб хӯрда, ба хонаи худ омад, ва ин ҳам ба дили ӯ
асаре набахшид.
[24] Ва ҳамаи мисриён гирдогирди наҳр чоҳ меканданд, то ки обе
барои нӯшидан пайдо кунанд, чунки аз оби наҳр наметавонистанд
нӯшанд.
[25] Ва баъд аз он ки Худованд наҳрро зарба зад, ҳафт рӯз пур шуд.

## Бори чорум ба фиръавн рӯ оварданашон; мӯъҷизаи сеюм.

**8** [1] Ва Худованд ба Мусо гуфт: «Назди фиръавн рафта, ба вай
бигӯ: „Худованд чунин мегӯяд: қавми Маро равона кун, то ки
Маро ибодат намоянд.
[2] Ва агар ту ба равона кардани онҳо розӣ нашавӣ, инак, Ман
тамоми ҳудуди туро бо қурбоққаҳо зарба мезанам;
[3] Ва наҳр аз қурбоққаҳо пур мешавад, ва онҳо баромада ба хонаат,
ва ба ҳуҷраи хобат, ва бар бистарат, ва ба хонаҳои навкаронат ва
қавмат, ва ба танӯрҳоят, ва ба тағораҳои хамират дохил хоҳанд шуд;
[4] Ва бар ту, ва бар қавмат, ва бар ҳамаи навкаронат қурбоққаҳо
хоҳанд баромад“».
[5] Ва Худованд ба Мусо гуфт: «Ба Ҳорун бигӯ: „Дасти худро бо асои
худ бар наҳрҳо, бар ҷӯйҳо ва бар кӯлҳо дароз кун, ва қурбоққаҳоро
бар замини Миср барор“».
[6] Ва Ҳорун дасти худро бар обҳои Миср дароз кард, ва қурбоққаҳо
баромада, замини Мисрро пӯшониданд.
[7] Ва афсунгарон ҳам бо сеҳрҳои худ чунин карданд, ва
қурбоққаҳоро бар замини Миср бароварданд.
[8] Ва фиръавн Мусо ва Ҳорунро даъват намуда, гуфт: «Сӯи
Худованд дуо гӯед, то ки қурбоққаҳоро аз ман ва аз қавми ман дур
созад; ва ман қавмро равона хоҳам намуд, то ки барои Худованд
қурбонӣ кунанд»+.
[9] Ва Мусо ба фиръавн гуфт: «Худат ба ман муқаррар намо, ки кай
барои ту ва навкаронат ва қавмат дуо гӯям, то ки қурбоққаҳо аз ту ва
аз хонаҳоят нест шуда, фақат дар наҳр бимонанд?»
[10] Вай гуфт: «Фардо». Мусо гуфт: «Аз рӯи гуфтаи ту хоҳад шуд, то
бидонӣ, ки мисли Худованд Худои мо нест;
[11] Ва қурбоққаҳо аз ту, ва аз хонаат, ва аз навкаронат, ва аз қавмат
дур шуда, фақат дар наҳр боқӣ хоҳанд монд».

## Мӯъҷизаи чорум.

[12] Ва Мусо ва Ҳорун аз пеши фиръавн берун омаданд, ва Мусо сӯи
Худованд дар хусуси қурбоққаҳое ки Ӯ ба зидди фиръавн фиристода
буд, илтиҷо намуд.

13 Ва Худованд мувофиқи сухани Мусо амал кард, ва қурбоққаҳо
дар хонаҳо, ҳавлиҳо ва саҳроҳо мурданд;
14 Ва онҳоро тӯда-тӯда ҷамъ карданд; ва замин бадбӯй шуд.
15 Вале фиръавн дид, ки аҳвол сабук шуд, — ва ӯ дили худро сахт
кард, ва ба онҳо гӯш надод, чунон ки Худованд гуфта буд.

## Мӯъҷизаи панҷум.

16 Ва Худованд ба Мусо гуфт: «Ба Ҳорун бигӯ: „Асои худро дароз
кун ва ғубори заминро бизан, ва он дар тамоми замини Миср ба
пашшаи хокӣ мубаддал хоҳад шуд“».
17 Ва онҳо чунин карданд: Ҳорун дасти худро бо асои худ дароз
карда, ғубори заминро зад, — ва пашшаи хокӣ бар одамон ва чорпоён
пайдо шуд; тамоми ғубори замин дар тамоми замини Миср ба
пашшаи хокӣ мубаддал шуд.
18 Ва афсунгарон бо сеҳрҳои худ чунин карданд, то ки пашшаи
хокиро берун оваранд, валекин натавонистанд. Ва пашшаи хокӣ бар
одамон ва чорпоён буд.
19 Ва афсунгарон ба фиръавн гуфтанд: «Ин ангушти Худост». Вале
дили фиръавн сахт шуд, ва ӯ ба онҳо гӯш надод, чунон ки Худованд
гуфта буд.

## Бори панҷум ба фиръавн рӯ оварданашон; мӯъҷизаи шашум.

20 Ва Худованд ба Мусо гуфт: «Бомдодон бармаҳал бархоста, ба
хузури фиръавн биист. Инак, вай сӯи об берун меояд, ва ту ба вай
бигӯ: „Худованд чунин мегӯяд: қавми Маро равона кун, то ки Маро
ибодат намоянд.
21 Зеро, агар қавми Маро равона накунӣ, инак, Ман бар ту ва
навкаронат ва қавмат ва хонаҳоят магасҳои гуногунро мефиристам,
ва хонаҳои мисриён, ва низ замине ки онҳо бар он сокинанд, аз он
магасҳо пур хоҳад шуд.
22 Ва дар он рӯз замини Ҷӯшанро, ки қавми Ман дар он сокинанд,
ҷудо хоҳам кард, ва дар он ҷо магасҳо нахоҳад буд, то бидонӣ, ки Ман
андаруни ин замин Худованд ҳастам.
23 Ва тафовуте дар миёни қавми Худ ва қавми ту барқарор хоҳам
намуд; фардо ин аломат ба амал хоҳад омад“».

[24] Ва Худованд чунин кард; ва магасҳои зиёде ба хонаи фиръавн,
ва ба хонаҳои навкаронаш, ва ба тамоми замини Миср омад, ва замин
аз дасти магасҳо нобуд шуд.
[25] Ва фиръавн Мусо ва Ҳорунро даъват намуда, гуфт: «Биравед ва
барои Худои худ дар ин замин қурбонӣ кунед».
[26] Вале Мусо гуфт: «Чунин кардан мумкин нест, зеро чизҳои
зишти* мисриёнро мо барои Худованд Худои худ қурбонӣ мекунем;
инак, вақте ки чизҳои зишти мисриёнро пеши назари онҳо қурбонӣ
кунем, оё онҳо моро сангсор намекунанд+?
[27] Мо роҳи серӯзаро дар биёбон тай намуда, барои Худованд Худои
худ қурбонӣ хоҳем кард, чунон ки Ӯ ба мо амр фармудааст».
[28] Ва фиръавн гуфт: «Ман шуморо равона хоҳам кард, то ки барои
Худованд Худои худ дар биёбон қурбонӣ кунед, аммо бисьёр дур
наравед; барои ман ҳам дуо гӯед!»
[29] Ва Мусо гуфт: «Инак, ман аз пеши ту берун омада, сӯи Худованд
дуо мегӯям, — ва он магасҳо аз фиръавн ва навкаронаш ва қавмаш
фардо дур хоҳад шуд, фақат ин ки фиръавн бори дигар фиреб дода, аз
равона кардани қавм, то ки барои Худованд қурбонӣ кунанд, рӯй
нагардонад».

## Мӯъҷизаи ҳафтум.

[30] Ва Мусо аз пеши фиръавн берун омада, сӯи Худованд дуо гуфт.
[31] Ва Худованд мувофиқи суханони Мусо амал намуда, магасҳоро
аз фиръавн ва навкаронаш ва қавмаш дур кард; як адад ҳам аз он
боқӣ намонд.
[32] Вале фиръавн ҳамин дафъа ҳам дили худро сахт кард, ва қавмро
равона накард.

## Низоъ бо фиръавн; бори шашум ба вай рӯ оварданашон; мӯъҷизаи ҳаштум.

9 [1] Ва Худованд ба Мусо гуфт: «Назди фиръавн рафта, ба вай
бигӯ: „Худованд Худои ибриён чунин мегӯяд: қавми Маро равона
кун, то ки Маро ибодат намоянд.
[2] Зеро, агар ту аз равона кардани онҳо рӯй гардонӣ ва онҳоро боз
нигоҳ дорӣ,
[3] Инак, дасти Худованд бар чорвои ту, ки дар саҳро мебошад, бар
аспон, харон, шутурон, говон ва гӯсфандон хоҳад буд, — вабои бағоят
сахт рӯй хоҳад дод;
[4] Ва Худованд дар миёни чорвои исроилиён ва чорвои мисриён
тафовуте барқарор хоҳад кард, ва аз ҳар он чи банӣ-Исроил доранд,
чизе нахоҳад мурд“».
[5] Ва Худованд мӯҳлате муайян намуда, гуфт: «Фардо Худованд
инро дар ин замин ба амал хоҳад овард».
[6] Ва Худованд инро фардои он ба амал овард, ва тамоми чорвои
мисриён мурд; вале аз чорвои банӣ-Исроил як адад ҳам намурд.
[7] Ва фиръавн фиристод, ва инак, аз чорвои исроилиён як адад ҳам
намурда буд; ва дили фиръавн сахт шуд, ва ӯ қавмро равона накард.

## Мӯъҷизаи нӯҳум.

[8] Ва Худованд ба Мусо ва Ҳорун гуфт: «Барои худ муштҳои пур аз
хокистари хумдон бигиред, ва Мусо онро пеши назари фиръавн сӯи
осмон партояд, —
[9] Ва он дар тамоми замини Миср ба ғубор мубаддал гардида, бар
одамон ва чорпоён варами думбалдоре дар тамоми замини Миср
паҳн хоҳад шуд».
[10] Ва онҳо хокистари хумдонро гирифта, ба ҳузури фиръавн
истоданд, ва Мусо онро сӯи осмон партофт, — ва варами думбалдоре
пайдо гардида, бар одамон ва чорпоён паҳн шуд.
[11] Ва афсунгарон натавонистанд ба сабаби варам пеши Мусо
истодагӣ намоянд, зеро ки варам бар афсунгарон ва бар ҳамаи
мисриён буд.
[12] Ва Худованд дили фиръавнро сахт кард, ва ӯ ба онҳо гӯш надод,
чунон ки Худованд ба Мусо гуфта буд+.

## Бори ҳафтум ба фиръавн рӯ оварданашон; мӯъҷизаи даҳум.

13 Ва Худованд ба Мусо гуфт: «Бомдодон бармаҳал бархоста, ба
ҳузури фиръавн биист, ва ба вай бигӯ: „Худованд Худои ибриён
чунин мегӯяд: қавми Маро равона кун, ки маро ибодат намоянд.
14 Зеро ки ҳамин дафъа Ман ҳамаи захмҳои Худро бар дили ту, ва
бар навкаронат ва қавмат хоҳам фиристод, то бидонӣ, ки дар тамоми
замин монанди Ман нест.
15 Агар алҳол дасти Худро дароз карда, ту ва қавматро бо вабое
мезадам, ту аз рӯи замин маҳв мешудӣ,
16 Валекин барои он туро боқӣ гузоштам, ки қуввати Худро ба ту
нишон диҳам, ва исми Ман дар тамоми дуньё шӯҳрат ёбад+.
17 Ту ҳанӯз қавми Маро ба танг меоварӣ, ва онҳоро равона
намекунӣ.
18 Инак, Ман фардо дар ҳамин вақт жолаи бағоят сахт хоҳам
боронид, ки мисли он дар Миср аз рӯзи барпо шуданаш то алҳол
наборидааст.
19 Ва алҳол фиристода, тамоми чорвои худ ва ҳар чиро, ки дар
саҳро дорӣ, ҷамъ кун, зеро ҳар одам ва чорпое ки дар саҳро бошад, ва
ба хона ҷамъ карда бурда нашавад, бар онҳо жола борида, онҳо
хоҳанд мурд“».
20 Ҳар касе ки аз навкарони фиръавн аз каломи Худованд тарсид,
навкаронаш ва чорвояшро ба хонаҳо гурезонид.
21 Вале ҳар касе ки ба каломи Худованд аҳамият надод,
навкаронаш ва чорвояшро дар саҳро вогузошт.
22 Ва Худованд ба Мусо гуфт: «Дасти худро сӯи осмон дароз кун, ва
дар тамоми замини Миср бар одамон ва чорпоён ва бар тамоми
набототи саҳро дар замини Миср жола хоҳад борид».
23 Ва Мусо асои худро сӯи осмон дароз кард, — ва Худованд раъд ва
жола дод, ва барқи осмон бар замин фурӯд омад, ва Худованд ба
замини Миср жола боронид+.
24 Ва жола буд, ва барқ буд, ки андаруни жола забона мезад, ва
жола бағоят сахт буд, ки мисли он дар тамоми замини Миср, аз
замоне ки мулки халқе шуда буд, наборидааст.
25 Ва жола дар тамоми замини Миср ҳар он чиро, ки дар саҳро буд,
аз одамон то чорпоён зад; ва тамоми набототи саҳроро жола зад, ва

ҳар дарахти саҳроро шикаст.
26 Фақат дар замини Ҷӯшан, ки он ҷо банӣ-Исроил буданд, жола
набуд.
27 Ва фиръавн фиристода, Мусо ва Ҳорунро даъват намуд, ва ба
онҳо гуфт: «Ҳамин дафъа гуноҳ кардаам; Худованд одил аст, ва ман
ва қавмам шарир ҳастем;+
28 Сӯи Худованд дуо гӯед, то ки раъдҳои Худо ва жола хотима ёбад;
ва ман шуморо равона хоҳам кард, ва шумо дигар дер нахоҳед
монд»+.
29 Ва Мусо ба вай гуфт: «Ҳамин ки аз шаҳр берун равам,
дастҳоямро сӯи Худованд дароз хоҳам кард; раъдҳо хотима ёфта,
жола дигар нахоҳад борид, то бидонӣ, ки замин аз они Худованд
аст+.
30 Валекин медонам, ки ту ва навкаронат ҳанӯз аз Худованд Худо
наметарсед».
31 Ва зағир ва ҷав зарар дид, зеро ки ҷав хӯша баста буд, ва зағир
поя бароварда буд.
32 Вале гандум ва ҷуворӣ зарар надид, зеро ки онҳо дерпаз аст.
33 Ва Мусо аз пеши фиръавн аз шаҳр берун рафта, дастҳояшро сӯи
Худованд дароз кард; ва раъдҳо ва жола хотима ёфт, ва борон бар
замин наборид.
34 Ва фиръавн дид, ки борон ва жола ва раъдҳо хотима ёфт, гуноҳ
карданашро давом дода, дили худро сахт кард, — ҳам худаш ва ҳам
навкаронаш.
35 Ва дили фиръавн сахт шуд, ва ӯ банӣ-Исроилро равона накард,
чунон ки Худованд ба воситаи Мусо гуфта буд.

## Бори ҳаштум ба фиръавн рӯ овarданашон.

10 1 Ва Худованд ба Мусо гуфт: «Назди фиръавн бирав, зеро ки
Ман дили ӯ ва дили навкаронашро сахт кардаам, барои он ки
аломоти Худро дар миёни онҳо зоҳир намоям,
2 Ва барои он ки ту он чиро, ки Ман дар Миср ба амал овардам, ва
аломотеро, ки дар миёни онҳо зоҳир намудам, ба гӯши писарат ва
писари писарат ҳикоят кунӣ, то бидонед, ки Ман Худованд ҳастам».
3 Ва Мусо ва Ҳорун назди фиръавн омада, ба вай гуфтанд:
«Худованд, Худои ибриён чунин мегӯяд: „То ба кай аз гардан
фуровардан ба ҳузури Ман рӯй мегардонӣ? Қавми Маро равона кун,
то ки Маро ибодат намоянд.
4 Зеро, агар ту аз равона кардани қавми Ман рӯй гардонӣ, инак,
Ман фардо ба ҳудуди ту малах меоварам,+
5 Ва рӯи заминро тавре хоҳад пӯшонид, ки кас заминро натавонад
бубинад; ва бақияи он чиро, ки аз жола раҳо шуда, барои шумо
саломат мондааст, хоҳад хӯрд, ва ҳар дарахтеро, ки барои шумо
сабзидааст, аз саҳро хоҳад хӯрд.
6 Ва хонаҳои ту ва хонаҳои ҳамаи навкаронат ва хонаҳои ҳамаи
мисриёнро пур хоҳад кард, — ба тавре ки падаронат ва падарони
падаронат аз рӯзе ки бар замин вуҷуд доранд, то имрӯз надидаанд“».
Ва ӯ пушт гардонида, аз пеши фиръавн баромад.
7 Ва навкарони фиръавн ба вай гуфтанд: «То ба кай ин одам барои
мо санги роҳ бошад? Ин одамонро равона кун, то ки Худованд Худои
худро ибодат намоянд; магар ҳанӯз ту надонистаӣ, ки Миср ба
ҳалокат мерасад»?
8 Ва Мусо ва Ҳорунро назди фиръавн баргардониданд, ва вай ба
онҳо гуфт: «Биравед, Худованд Худои худро ибодат намоед; пас, кист
ва кист, ки равона мешавад?»
9 Ва Мусо гуфт: «Бо ҷавонон ва пирони худ хоҳем рафт, бо писарон
ва духтарони худ, бо гӯсфандон ва говони худ хоҳем рафт, зеро ки
иди Худованд аст барои мо».
10 Вай ба онҳо гуфт: «Бигзор Худованд бо шумоончунон бошад,
чунон ки ман шуморо бо кӯдаконатон равона кунам! Барҳазар бошед,
зеро ки бадӣ шуморо дар пеш аст!

11 Чунин нахоҳад шуд! Фақат шумо, мардон, биравед ва
Худовандро ибодат намоед, зеро ки шумо инро хоҳон будед». Ва
онҳоро аз пеши фиръавн бадар ронданд.

## Мӯъҷизаи ёздаҳум.

12 Ва Худованд ба Мусо гуфт: «Дасти худро бар замини Миср барои
малах дароз кун, то ки он бар замини Миср баромада, тамоми
набототи заминро, ки аз жола боқӣ мондааст, бихӯрад».
13 Ва Мусо асои худро бар замини Миср дароз кард, ва Худованд
тамоми он рӯз ва тамоми шаб боди шарқиро бар замин вазонид;
вақте ки субҳ дамид, боди шарқӣ малахро овард.
14 Ва малах бар тамоми замини Миср баромада, дар тамоми
ҳудуди Миср қарор гирифт, ки он бағоят бисьёр буд; пеш аз он чунин
малах набуд, ва баъд аз он чунин нахоҳад буд.
15 Ва рӯи тамоми заминро пӯшонид, ва замин торик шуд, ва
тамоми набототи замин ва тамоми меваи дарахтонро, ки аз жола
боқӣ монда буд, хӯрд; ва ҳеҷ сабзае бар дарахтон ва бар набототи
саҳро дар тамоми замини Миср боқӣ намонд.
16 Ва фиръавн шитобон Мусо ва Ҳорунро даъват намуда, гуфт:
«Пеши Худованд Худои шумо ва пеши шумо гуноҳ кардаам;+
17 Ва алҳол, лутфан, ҳамин дафъа ҳам гуноҳи маро афв кунед, ва
сӯи Худованд Худои худ дуо гӯед, то ки фақат ин маргро аз ман дур
созад»+.
18 Ва аз пеши фиръавн берун омада, сӯи Худованд дуо гуфт.
19 Ва Худованд боди ғарбии бағоят сахте ба вуҷуд овард, ки
малахро бардошта бурда, ба баҳри Қулзум андохт; дар тамоми
ҳудуди Миср як адад ҳам малах намонд.
20 Вале Худованд дили фиръавнро сахт кард, ва вай банӣ-
Исроилро равона накард.

## Мӯъҷизаи дувоздаҳум.

21 Ва Худованд ба Мусо гуфт: «Дасти худро сӯи осмон дароз кун, то
ки бар замини Миср торикӣ ба вуҷуд ояд, торикие ки онро ламс
кардан мумкин бошад».
22 Ва Мусо дасти худро сӯи осмон дароз кард, ва дар тамоми
замини Миср торикии ғализе се рӯз ба миён омад.

[23] Якдигарро намедиданд, ва касе аз ҷои худ се рӯз барнахост;
валекин барои банӣ-Исроил дар масканҳошон рӯшноӣ буд.
[24] Ва фиръавн Мусоро даъват намуда, гуфт: «Биравед ва
Худовандро ибодат намоед, фақат рамаҳои гӯсфандон ва говони
шумо бимонад, кӯдакони шумо низ бо шумо бираванд».
[25] Вале Мусо гуфт: «Ту низ ба дасти мо қурбониҳои саломатӣ ва
қурбониҳои сӯхтанӣ бидеҳ, то ки барои Худованд Худои худ тақдим
кунем.
[26] Чорвои мо низ бо мо хоҳад рафт, як суме боқӣ нахоҳад монд,
зеро ки аз он бояд барои ибодати Худованд Худои худ бигирем, ва мо
то ба он ҷо нарасем, нахоҳем донист, ки бо чӣ чиз Худовандро ибодат
намоем».
[27] Ва Худованд дили фиръавнро сахт кард, ва вай нахост онҳоро
равона кунад.

## Қатъи гуфтушунид.

[28] Ва фиръавн ба ӯ гуфт: «Аз пеши ман бирав! Бархазар бош, ки рӯи
маро дигар набинӣ, зеро дар рӯзе ки рӯи маро бубинӣ, хоҳӣ мурд».
[29] Ва Мусо гуфт: «Дуруст гуфтӣ; рӯи туро дигар нахоҳам дид».

## Пешгӯӣ дар бораи ҳалокати нахустзодагон.

**11** [1] Ва Худованд ба Мусо гуфт: «Боз як зарбае бар фиръавн ва
бар Миср хоҳам овард; баъд аз он вай шуморо аз ин ҷо равона
хоҳад кард; ва ҳангоме ки вай шуморо равона карданӣ шавад,
комилан шуморо аз ин ҷо бадар хоҳад ронд.
[2] Пас, ба гӯши қавм бигӯ, ки ҳар мард аз ҳамсояи худ ва ҳар зан аз
ҳамсояи худ колои нуқра ва колои тилло бипурсанд».
[3] Ва Худованд қавмро дар назари мисриён мӯътабар гардонид;
Мусо низ дар замини Миср, дар назари навкарони фиръавн ва дар
назари қавм шахси бағоят бузург буд.
[4] Ва Мусо гуфт: «Худованд чунин мегӯяд: қарибҳои нисфи шаб
Ман андаруни Миср берун хоҳам омад,
[5] Ва ҳар нахустзода дар замини Миср хоҳад мурд, — аз
нахустзодаи фиръавн, ки бар тахташ нишастааст, то нахустзодаи
канизе ки назди дастос бошад; ва ҳар нахустзодаи чорпоён.
[6] Ва нолаи азиме дар тамоми замини Миср хоҳад буд, ки мислаш
нашудааст, ва мислаш дигар нахоҳад шуд.
[7] Валекин бар ҳамаи банӣ-Исроил саге забонашро нахоҳад
ҷунбонид, — на бар одамон ва на бар чорпоён; то бидонед, ки
Худованд дар миёни мисриён ва исроилиён чӣ гуна тафовуте
гузоштааст+.
[8] Ва ҳамаи ин навкаронат пеши ман фурӯд хоҳанд омад ва ба ман
саҷда бурда, хоҳанд гуфт: „Ту ва тамоми қавме ки пайрави ту
бошанд, берун равед“. Ва баъд аз он ман берун хоҳам рафт». Ва ӯ бо
шиддати ғазаб аз пеши фиръавн берун омад.
[9] Ва Худованд ба Мусо гуфт: «Фиръавн ба шумо гӯш нахоҳад дод,
то ки мӯъҷизоти Ман дар замини Миср афзун шавад».
[10] Ва Мусо ва Ҳорун тамоми ин мӯъҷизотро ба ҳузури фиръавн ба
амал оварданд; вале Худованд дили фиръавнро сахт кард, ва вай
банӣ-Исроилро аз замини худ равона накард.

## Фисҳ.

**12** [1] •Ва Худованд ба Мусо ва Ҳорун дар замини Миср сухан
ронда, гуфт:
[2] «Бигзор ин моҳ барои шумо сари моҳҳо бошад; бигзор он барои
шумо моҳи якум дар миёни моҳҳо бошад.
[3] Ба тамоми ҷамоати Исроил сухан ронда, гӯед: „дар рӯзи даҳуми
ҳамин моҳ бигзор ҳар яке баррае барои хонавода бигиранд, яъне
барои ҳар хонадон як барра.
[4] Ва агар аҳли байт барои истеъмоли барра кам бошанд, бигзор
вай бо ҳамсояи наздики хонааш, мувофиқи шумораи нуфусашон
бигирад; ба андозаи хӯрдани ҳар яке ба барра ширкат кунед.
[5] Барраи шумо бояд беайб, наринаи яксола бошад; аз гӯсфандон ва
бузон онро бигиред.
[6] Ва бигзор он назди шумо то рӯзи чордаҳуми ҳамин моҳ ингоҳ
дошта шавад, ва онро тамоми ҷамъомади ҷамоати Исроил
бегоҳирӯзӣ забҳ кунанд+.
[7] Ва аз хуни он гирифта, ба ҳар ду паҳлударӣ ва ба болодарии
хонаҳое ки дар онҳо онро мехӯранд, бимоланд.
[8] Ва гӯшташро дар он шаб ба оташ бирьён карда, бо фатир
бихӯранд; бо сабзаҳои талх онро бихӯранд.
[9] Аз он хом, ё дар об пухта нахӯранд, балки ба оташ бирьён шуда
бошад, бо каллаю почаҳояш ва дилу дарунаш.
[10] Ва аз он то субҳ боқӣ нагузоред; ва он чиро, ки аз он то субҳ боқӣ
монда бошад, ба оташ бисӯзонед.
[11] Ва онро ин тавр бихӯред: камари шумо баста, кафшҳои шумо
бар пойҳои шумо, ва асои шумо дар дасти шумо бошад; ва онро
шитобон бихӯред, ки ин фисҳи Худованд аст.

## Кафорат ба воситаи хун.

[12] Ва Ман дар он шаб аз замини Миср убур намуда, ҳар
нахустзодаро дар замини Миср, аз одамон то чорпоён, зарба хоҳам
зад, ва бар ҳамаи худоёни Миср доварӣ хоҳам кард; Ман Худованд
ҳастам+.
[13] Ва он хун барои шумо аломате хоҳад буд бар хонаҳое ки шумо
дар он ҷо мебошед, ва Ман хунро дида, аз болои шумо хоҳам ҷаҳид,

ва ҳангоме ки замини Мисрро зарба мезанам, он офати ҳалокатовар
ба шумо нахоҳад расид.
14 Ва он рӯз барои шумо рӯзи ёдгорӣ хоҳад буд, ва онро ҳамчун
иде барои Худованд ид кунед; онро, ҳамчун қонуни абадӣ, насл ба
насли худ ид кунед.
15 Ҳафт рӯз фатир бихӯред; аммо дар арафаи рӯзи якум
хамиртурушро аз хонаҳои худ нест кунед, зеро ҳар кӣ аз рӯзи якум
то рӯзи ҳаштум хамири турушшудае бихӯрад, он кас аз миёни
Исроил маҳв хоҳад шуд.
16 Ва дар рӯзи якум ҷамъомади муқаддас ва дар рӯзи ҳафтум
ҷамъомади муқаддас барои шумо хоҳад буд; дар онҳо набояд ҳеҷ
коре карда шавад; аммо он чи бояд ҳар кас бихӯрад, фақат онро ба ҷо
оварданатон мумкин аст.
17 Ва хӯрдани фатирро риоя намоед, зеро ки дар худи ҳамин рӯз
Ман фавҷҳои шуморо аз замини Миср берун овардаам; ва ин рӯзро,
ҳамчун қонуни абадӣ, насл ба насли худ риоя намоед.
18 Дар моҳи якум, дар рӯзи чордаҳуми он, бегоҳӣ фатир бихӯред,
то бегоҳии рӯзи бисту якуми моҳ.
19 Ҳафт рӯз дар хонаҳои шумо хамиртуруш бояд ёфт нашавад;
зеро, ҳар кӣ хамири турушшудае бихӯрад, он шахс аз ҷамоати
Исроил маҳв хоҳад шуд, хоҳ ғарибе бошад, хоҳ сокини муқимии он.
20 Ҳеҷ хамири турушшудае нахӯред; дар ҳамаи масканҳои худ
фатир бихӯред“».
21 Ва Мусо ҳамаи пирони Исроилро даъват намуда, ба онҳо гуфт:
«Биравед ва баррае барои худ мувофиқи хонаводаҳотон бигиред, ва
фисҳро забҳ кунед.
22 Ва бандчае аз зуфо гирифта, дар хуне ки дар лаган аст,
биғӯтонед, ва ба болодарӣ ва ду паҳлударӣ аз хуне ки дар лаган аст,
бимолед; ва касе аз шумо аз дари хонаи худ то субҳ берун наравад+.
23 Ва Худованд убур намуда, мисриёнро зарба хоҳад зад, ва ҳамин
ки хунро бар болодарӣ ва ду паҳлударӣ бубинад, Худованд аз болои
он дар хоҳад ҷаҳид, ва ҷонситонро нахоҳад гузошт, ки ба хонаҳои
шумо даромада, зарба занад.
24 Ва ин амрро, ҳамчун қоида, барои худ ва барои писарони худ ба
сурати абадӣ риоя намоед.

25 Ва чун ба замине дохил шудед, ки онро Худованд мувофиқи
гуфтаи Худ ба шумо хоҳад дод, он вақт ин ибодатро риоя намоед.
26 Ва чун писаронатон ба шумо гӯянд: „Ин ибодати шумо барои
чист?“+
27 Бигӯед: „Ин қурбонии фисҳ барои Худованд аст, ки Ӯ дар Миср,
вақте ки мисриёнро зарба зад, аз болои хонаҳои банӣ-Исроил ҷаҳида
гузашт, ва хонаҳои моро раҳоӣ дод“». Ва қавм сар хам карда, саҷда
бурданд.
28 Ва банӣ-Исроил рафта, ба амал оварданд; чунон ки Худованд ба
Мусо ва Ҳорун амр фармуда буд, ончунон ба амал оварданд.

## Мубоҳиса бо фиръавн давом мекунад. Фавти нахустзодагон.

29 Ва нисфи шаб чунин воқеъ шуд, ки Худованд ҳамаи
нахустзодагони замини Мисрро, аз нахустзодаи фиръавн, ки бар тахт
нишаста буд, то нахустзодаи асире ки дар зиндон буд, ва ҳар
нахустзодаи чорпоёнро зарба зад.
30 Ва дар он шаб фиръавн, ва ҳамаи навкаронаш, ва ҳамаи мисриён
бархостанд, ва фарьёди азиме дар Миср ба вуқӯъ омад, зеро хонае
набуд, ки мурдае дар он набошад.
31 Ва Мусо ва Ҳорунро шабона даъват намуда, гуфт: «Бархезед ва аз
миёни қавми ман берун равед, ҳам шумо ва ҳам банӣ-Исроил, ва
рафта, Худовандро ибодат намоед, чунон ки гуфтед.
32 Гӯсфандон ва говони худро низ, чунон ки гуфтед, бигиред, ва
биравед, ва маро низ баракат диҳед».
33 Ва мисриён бар қавм фишор меоварданд, то ки зудтар онҳоро аз
замин равона кунанд, зеро ки гуфтанд: «Ҳамаамон мемирем».
34 Ва қавм хамири худро, пеш аз он ки туруш шавад, бардошта
бурданд; лаганҳои худро бо либосҳошон печонида, бар дӯши худ
гузошта буданд.
35 Ва банӣ-Исроил аз рӯи гуфтаи Мусо амал карда, аз мисриён
колои нуқра ва колои тилло ва либосҳо пурсиданд+.
36 Ва Худованд қавмро дар назари мисриён мӯътабар гардонид, ва
ҳар чизи пурсидаи онҳоро доданд; ва онҳо мисриёнро тороҷ
карданд+.

## Ибтидои хуруҷ.

[37] Ва банӣ-Исроил аз Раамсис ба ҷониби Суккӯт равона шуданд, ки
тақрибан шашсад ҳазор мардони пиёда, ғайр аз кӯдакон, буданд+.
[38] Ва издиҳоми гуногунқабилаи зиёде низ ҳамроҳи онҳо
баромаданд, ва гӯсфандон ва говон, ки рамаи бағоят бузурге буданд.
[39] Ва аз хамире ки аз Миср берун оварда буданд, кулчаҳои фатир
пухтанд, зеро ки он туруш нашуда буд, чунки аз Миср ронда шуда
буданд, ва натавонистанд даранг кунанд, ва тӯшае низ барои худ
тайёр накарда буданд.
[40] Ва сукунати банӣ-Исроил, ки дар Миср доштанд, чорсаду сӣ сол
буд+.
[41] Ва ҳангоме ки чорсаду сӣ сол ба охир расид, дар он рӯз ҳамаи
фавҷҳои Худованд аз замини Миср берун омаданд.
[42] Ин — шаби бедории Худованд буд барои берун овардани онҳо аз
замини Миср; ин ҳамон шабе буд барои Худованд, ки дар он тамоми
банӣ-Исроил насл ба насли худ бояд бедор бошанд.
[43] Ва Худованд ба Мусо ва Ҳорун гуфт: «Ин аст дастури фисҳ: ҳеҷ
каси бегона набояд аз он бихӯрад.
[44] Вале ҳар ғуломе ки зархарид бошад, лозим аст, ки варо хатна
бикунӣ, он гоҳ вай аз он бихӯрад.
[45] Муҳоҷир ва муздур набояд аз он бихӯрад.
[46] Дар як хона хӯрда шавад; гӯшти онро аз хона берун набарор; ва
устухони онро нашиканед+.
[47] Тамоми ҷамоати Исроил бояд онро ба ҷо оваранд.
[48] Ва агар ғарибе назди ту сокин бошад, ва хоҳад фисҳро барои
Худованд ба ҷо оварад, — бигзор ҳар наринаи вай хатна карда шавад,
ва он гоҳ вай наздик омада, онро ба ҷо оварад, ва мисли сокини
тубҷоии замин хоҳад буд, вале ҳеҷ як номахтун набояд аз он
бихӯрад.
[49] Бигзор як қонун бошад барои сокини тубҷоӣ ва барои ғарибе ки
дар миёни шумо сукунат дорад»+.
[50] Ва тамоми банӣ-Исроил ба ҷо оварданд; чунон ки Худованд ба
Мусо ва Ҳорун амр фармуда буд, ончунон ба ҷо оварданд.
[51] Ва чунин воқеъ шуд, ки дар ҳамои рӯз Худованд банӣ-Исроилро
бар ҳасби фавҷҳошон аз замини Миср берун овард.

## Тақдиси нахустзодагон. Фармон дар бораи фатир.

13 [1] Ва Худованд ба Мусо сухан ронда, гуфт:
[2] «Ҳар нахустзодаро, ки ҳар раҳимро дар миёни банӣ-Исроил
бикшояд, хоҳ одам бошад хоҳ чорпо, барои Ман тақдис намо; вай аз
они Ман аст»+.
[3] Ва Мусо ба қавм гуфт: «Ин рӯзро, ки аз Миср, аз хонаи ғуломӣ
берун омадед, дар хотир нигоҳ доред, зеро ки Худованд бо қуввати
даст шуморо аз он ҷо берун овард; ва набояд хамири туруш хӯрда
шавад.
[4] Имрӯз шумо дар моҳи абиб* берун меоед.
[5] Ва ҳангоме ки Худованд туро ба замини канъониён, ва ҳиттиён,
ва амӯриён, ва ҳиввиён, ва ябусиён дохил кунад, ки ба падаронат
қасам хӯрдааст, ки онро ба ту бидиҳад, замине ки шир ва асал дар он
ҷорист, — он гоҳ ту ин ибодатро дар ин моҳ ба ҷо овар.
[6] Ҳафт рӯз фатир бихӯр, ва дар рӯзи ҳафтум ид барои Худованд
аст.
[7] Ҳафт рӯз бояд фатир хӯрда шавад; ва набояд назди ту нони
туруш дида шавад, ва набояд назди ту дар тамоми ҳудуди ту
хамиртуруш дида шавад+.
[8] Ва дар он рӯз ба писари худ хабар дода, бигӯ: „Ин аст ба хотири
он чи Худованд барои ман кард, вақте ки аз Миср берун омадам“.
[9] Ва бигзор ин барои ту аломате бар дастат, ва ёдгорие дар
мобайни чашмонат бошад, то ки шариати Худованд дар даҳонат
бошад; зеро ки Худованд бо дасти қавӣ туро аз Миср берун овард+.
[10] Пас, ин дастурро дар мӯҳлаташ сол ба сол ба ҷо овар.
[11] Ва ҳангоме ки Худованд туро ба замини канъониён дохил
кунад, ки ба ту ва падаронат қасам хӯрдааст, ки онро ба ту бидиҳад,
—
[12] Он гоҳ ҳар раҳимкушоро барои Худованд ҷудо кун; ва ҳар бачаи
раҳимкушои чорпоён, ки назди ту пайдо шавад, наринаи онҳо барои
Худованд хоҳад буд.
[13] Ва дар ивази ҳар курраи раҳимкушо баррае фидия бидеҳ; ва агар
фидия надиҳӣ, гарданашро бишкан; ва барои ҳар нахустзодаи одамӣ,
ки аз писаронат бошад, фидия бидеҳ.

14 Ва ҳангоме ки писарат дар оянда аз ту пурсида, гӯяд: „Ин чист?“
— ба вай бигӯ: „Худованд моро бо қуввати даст аз Миср, аз хонаи
ғуломӣ берун овард;+
15 Ва чунин воқеъ шуд, ки чун фиръавн дар бобати равона кардани
мо дили худро сахт гардонид, Худованд ҳар нахустзодаро дар
замини Миср, аз нахустзодаи одамон то нахустзодаи чорпоён, кушт;
бинобар ин ман ҳар раҳимкушои наринаро барои Худованд қурбонӣ
мекунам, ва барои ҳар нахустзодаи писаронам фидия медиҳам“.
16 Ва бигзор ин аломате бар дастат ва пешонабанде дар мобайни
чашмонат бошад, зеро ки Худованд бо қуввати даст моро аз Миср
берун овард».
17 Ва чунин воқеъ шуд, ки чун фиръавн қавмро равона кард, Худо
онҳоро бо роҳи замини фалиштиён набурд, чунки он наздик буд;
зеро ки Худо гуфт: «Мабодо қавм ҷангро дида, пушаймон шаванд ва
ба Миср баргарданд»+.
18 Ва Худо қавмро бо роҳи биёбон давр занонида, сӯи баҳри
Қулзум бурд; ва банӣ-Исроил аз замини Миср мусаллаҳ шуда
баромада буданд.
19 Ва Мусо устухонҳои Юсуфро бо худ гирифт, зеро ки вай банӣ-
Исроилро сахт қасам дода, гуфта буд: «Худо шуморо албатта
тафаққуд хоҳад кард, ва он гоҳ шумо устухонҳои маро аз ин ҷо бо худ
хоҳед бурд»+.

## Абр ва сутуни оташ дар аснои роҳ.

20 Ва аз Суккӯт равона шуданд, ва дар Этом, дар ақсои биёбон ӯрду
заданд+.
21 Ва Худованд рӯзона дар сутуни абр пешопеши онҳо мерафт, то
ки роҳро ба онҳо нишон диҳад, ва шабона — дар сутуни оташ, то ки ба
онҳо рӯшноӣ бахшад, ва онҳо рӯзона ва шабона роҳ раванд+.
22 Сутуни абр рӯзона ва сутуни оташ шабона аз пеши қавм дур
намешуд.

## Ба ҳалокат расидани мисриён дар баҳри Қулзум. Сафар дар биёбон.

14 1 Ва Худованд ба Мусо сухан ронда, гуфт:
2 «Ба банӣ-Исроил бигӯ, ки тоб хӯрда, пеши Фӣ-Ҳаҳирӯт, дар
миёни Миҷдӯл ва баҳр, пеши Баал-Сафӯн ӯрду зананд; дар рӯ ба рӯи
он назди баҳр ӯрду занед+.
3 Ва фиръавн дар бораи банӣ-Исроил хоҳад гуфт: „Онҳо дар ин
замин саргум шудаанд, биёбон онҳоро бандубаст кардааст“.
4 Ва Ман дили фиръавнро сахт хоҳам кард, то ки вай онҳоро
таъқиб намояд, ва ҷалоли Худро ба воситаи фиръавн ва тамоми
лашкараш зоҳир хоҳам сохт, то мисриён бидонанд, ки Ман Худованд
ҳастам». Ва чунин карданд.
5 Ва ба подшоҳи Миср хабар расид, ки қавм рӯ ба гурез овардаанд;
ва дили фиръавн ва навкаронаш нисбат ба қавм дигаргун шуд, ва
онҳо гуфтанд: «Ин чӣ кор аст, ки мо кардем? Чаро банӣ-Исроилро
равона кардем, то ки дигар барои мо меҳнат накунанд?»
6 Ва аробаи худро тайёр кард, ва қавми худро бо худ гирифт.
7 Ва шашсад аробаи гузинро гирифт, ва ҳамаи аробаҳои Мисрро,
ки бар ҳамаашон саркардаҳо буданд.
8 Ва Худованд дили фиръавн, подшоҳи Мисрро сахт кард, ва вай
банӣ-Исроилро таъқиб намуд; ва банӣ-Исроил бо дасти баланд
мерафтанд+.
9 Ва мисриён бо ҳамаи аспон ва аробаҳои фиръавн ва саворонаш
ва лашкараш онҳоро таъқиб намуда, ба онҳо расида гирифтанд, дар
сурате ки онҳо назди баҳр, дар Фӣ-Ҳаҳирӯт, пеши Баал-Сафӯн ӯрду
зада буданд.
10 Ва фиръавн наздик омад, ва банӣ-Исроил чашмони худро боло
карда диданд, ки инак, мисриён аз қафои онҳо меоянд, ва бағоят
ҳаросон шуданд; ва банӣ-Исроил сӯи Худованд нола карданд.
11 Ва ба Мусо гуфтанд: «Оё дар Миср қабрҳо набуд, ки моро овардӣ,
то дар биёбон бимирем? Ин чист ба мо кардӣ, ки моро аз Миср берун
овардӣ?
12 Ин, охир, ҳамон чизест, ки мо ба ту дар Миср сухан ронда, гуфта
будем: „Моро бимон, то ки барои мисриён меҳнат кунем“. Зеро

меҳнати мисриён барои мо беҳтар аст аз он ки дар биёбон бимирем».
13 Ва Мусо ба қавм гуфт: «Ҳаросон нашавед! Биистед ва наҷоти
Худовандро бубинед, ки онро Ӯ имрӯз барои шумо ба амал хоҳад
овард; зеро мисриёнро, ки имрӯз дидаед, дигар ҳаргиз нахоҳед дид.
14 Худованд барои шумо ҷанг хоҳад кард, ва шумо хомӯш бошед»+.
15 Ва Худованд ба Мусо гуфт: «Чаро сӯи Ман нола мекунӣ? Ба банӣ-Исроил бигӯ, ки равона шаванд.
16 Ва ту асои худро баланд бардор, ва дасти худро бар баҳр дароз карда, онро аз ҳам чудо кун, то ки банӣ-Исроил андаруни баҳр бар хушкӣ бигзаранд.
17 Ва Ман, инак, дили мисриёнро сахт мекунам, то ки аз қафои онҳо бираванд; ва ҷалоли Худро ба воситаи фиръавн ва тамоми лашкараш, ба воситаи аробаҳо ва саворонаш зоҳир хоҳам сохт,
18 Ва мисриён хоҳанд донист, ки Ман Худованд ҳастам, вақте ки ҷалоли Худро ба воситаи фиръавн, ба воситаи аробаҳо ва саворонаш зоҳир созам».
19 Ва фариштаи Худо, ки пешопеши ӯрдуи Исроил мерафт, ба
ҳаракат омада, аз қафои онҳо равона шуд; ва сутуни абр аз пеши онҳо
ҳаракат карда, дар қафояшон истод;
20 Ва дар миёни ӯрдуи мисриён ва ӯрдуи исроилиён ҷойгир шуда, барои он ӯрду абр ва торикӣ гардид, ва барои ин ӯрду шабро равшан кард, ва тамоми шаб онҳо ба якдигар наздик нашуданд.
21 Ва Мусо дасти худро бар баҳр дароз кард, ва Худованд баҳрро бо боди шарқии сахте тамоми шаб ба ҳаракат даровард, ва баҳрро хушк гардонид, ва обҳо аз ҳам ҷудо шуд+.
22 Ва банӣ-Исроил андаруни баҳр бар хушкӣ равона шуданд, ва обҳо барои онҳо аз тарафи рост ва аз тарафи чап девор буд.
23 Ва мисриён бо ҳамаи аспони фиръавн, бо аробаҳо ва саворонаш, таъқибкунон аз қафои онҳо андаруни баҳр даромаданд.
24 Ва дар поси саҳарӣ чунин воқеъ шуд, ки Худованд аз даруни сутуни оташ ва абр бар ӯрдуи мисриён назар андохт, ва ӯрдуи мисриёнро ба изтироб овард.
25 Ва чархҳои аробаҳошонро баровард, ба тавре ки онҳо базӯр ҳаракат мекарданд. Ва мисриён гуфтанд: «Аз пеши исроилиён бигрезем, зеро ки Худованд барои онҳо бо мисриён ҷанг мекунад».

[26] Ва Худованд ба Мусо гуфт: «Дасти худро бар баҳр дароз кун, то
ки обҳо бар мисриён, ба аробаҳо ва саворони онҳо баргардад».
[27] Ва Мусо дасти худро бар баҳр дароз кард, ва баҳр ҳангоми
дамидани субҳ ба маҷрои худ баргашт, ва мисриён ба пешвози он
медавиданд; ва Худованд мисриёнро андаруни баҳр вожгун сохт.
[28] Ва обҳо баргашта, аробаҳо ва саворон ва тамоми лашкари
фиръавнро, ки аз қафои онҳо дар баҳр меомаданд, пӯшонид; аз онҳо
як нафар ҳам боқӣ намонд.
[29] Ва банӣ-Исроил андаруни баҳр бар хушкӣ равона шуданд, ва
обҳо барояшон аз тарафи рост ва аз тарафи чап девор буд+.
[30] Ва Худованд дар он рӯз Исроилро аз дасти мисриён раҳо кард; ва
исроилиён мисриёнро дар соҳили баҳр мурда диданд.
[31] Ва чун исроилиён он қудрати бузургро, ки Худованд бар
мисриён зоҳир сохт, диданд, қавм аз Худованд тарсиданд, ва ба
Худованд ва ба бандаи Ӯ Мусо имон оварданд.

## Халосии қатъӣ аз асорат. Мадҳияи Мусо.

15 [1] Он гоҳ Мусо ва банӣ-Исроил ин сурудро барои Худованд суруданд, ва чунин гуфтанд:
«Барои Худованд месароям, зеро ки Ӯ азимулмартаба аст;
асп ва савори онро дар баҳр вожгун сохт+.
[2] Худованд қувват ва ҳамду санои ман аст,
ва Ӯ наҷоти ман шуд.
Ӯ Худои ман аст, ва Ӯро ситоиш менамоям;
Ӯ Худои падари ман аст, ва Ӯро болобардор мекунам+.
[3] Худованд марди ҷангист.
Исми Ӯ Худованд аст+.
[4] Аробаҳои фиръавн ва лашкари варо дар баҳр вожгун сохт,
ва саркардаҳои гузини вай дар баҳри Қулзум
ғарқ шуданд.
[5] Вартаҳо онҳоро пӯшонид,
мисли санге дар қаърҳо фурӯ рафтанд.
[6] Ямини Ту, эй Худованд, бо қувват ҷалол ёфтааст.
Ямини Ту, эй Худованд, душманро торумор мекунад+.
[7] Ва бо афзунии кибриёи Худ мухолифонатро шикаст медиҳӣ,
ғазаби Худро мефиристӣ, — вай онҳоро мисли хошоке месӯзонад.
[8] Аз вазидани боди ғазаби Ту обҳо фароҳам омад.
ҷараёнҳо мисли хоктӯдае биистод,
вартаҳо андаруни баҳр шах шуда монд+.
[9] Душман гуфт: „Таъқиб менамоям, расида мегирам, ғаниматро тақсим мекунам,
ҷонам аз онҳо сер мешавад,
шамшери худро мекашам, дасти ман онҳоро маҳв менамояд“.
[10] Ҳамин ки боди Худро вазонидӣ, баҳр онҳоро пӯшонид:
онҳо мисли қӯрғошим дар обҳои азим фурӯ рафтанд.
[11] Кист мисли Ту, эй Худованд, дар миёни худоён?
Кист мисли Ту азимулқадр дар қудсият?
Ту аз ҳар мадҳ болотарӣ, эй Офаридагори мӯъҷизот!+
[12] Ҳамин ки ямини Худро дароз кардӣ,
замин онҳоро фурӯ бурд.
[13] Қавмеро, ки раҳо кардӣ, бо марҳамати Худ ҳидоят менамоӣ:

бо қуввати Худ онҳоро сӯи маскани қудси Худ мебарӣ.
14 Қавмҳо шунида, ба изтироб омаданд;
сокинони фалиштиро ларза фаро гирифт.
15 Он гоҳ мирони Адӯм ҳаросон шуданд,
пешвоёни Мӯобро ларза фаро гирифт;
ҳамаи сокинони Канъон пажмурдадил шуданд+.
16 Тарсу ҳарос онҳоро фаро хоҳад гирифт,
аз бузургии бозуи Ту мисли санге лол хоҳанд шуд,
то даме ки қавми Ту, эй Худованд, убур намоянд,
то даме ки қавми раҳокардаи Ту убур намоянд.
17 Онҳоро оварда, бар кӯҳи мероси Худ хоҳӣ шинонид,
ба маконе ки Ту, эй Худованд, маскани Худ гардонидаӣ,
ба қудсе ки дастҳои Ту, эй Худованд, барпо намудааст+.
18 Худованд то абад салтанат хоҳад ронд!»+

19 Вақте ки аспони фиръавн бо аробаҳо ва саворонаш ба баҳр
дохил шуданд, Худованд обҳои баҳрро бар онҳо баргардонид; ва
банӣ-Исроил андаруни баҳр бар хушкӣ равона шуданд.

20 Ва Марьями набия, хоҳари Ҳорун, дафро ба дасти худ гирифт, ва
ҳамаи занон аз қафои вай дафзанон ва рақскунон берун омаданд+.

21 Ва Марьям сурудхонон ба онҳо гуфт:
«Барои Худованд бисароед, зеро ки Ӯ азимулмартаба аст,
асп ва савори онро дар баҳр вожгун сохт»+.

## Исроил дар биёбон; оби талх ширин гардонида шуд.

22 Ва Мусо Исроилро аз канори баҳри Қулзум бурд, ва онҳо ба
биёбони Шур баромаданд; ва се рӯз дар биёбон роҳ паймуданд, вале
обе пайдо накарданд+.

23 Ва ба Мора расиданд, ва аз оби Мора натавонистанд нӯшанд,
зеро ки он талх буд; бинобар ин он Мора* номида шудааст.

24 Ва қавм аз Мусо шикоят карда, гуфтанд: «Чӣ бинӯшем?»

25 Ва ӯ сӯи Худованд нола кард, ва Худованд дарахтеро ба ӯ нишон
дод, ва ӯ онро ба об андохт, ва об ширин шуд; дар он ҷо ӯ барои онҳо
фариза ва шариат муқаррар намуд, ва дар он ҷо онҳоро имтиҳон
кард.

26 Ва гуфт: «Агар ту овози Худованд Худои худро бишнавӣ ва он
чиро, ки дар назари Ӯ дуруст аст, ба амал оварӣ, ва ба аҳкоми Ӯ гӯш

диҳӣ, ва фароизи Ӯро риоя намоӣ, — ҳеҷ яке аз бемориҳоеро, ки бар Миср овардаам, бар ту нахоҳам овард, зеро ки Ман Худованди шифобахши ту ҳастам»+.

27 Ва ба Элим омаданд, ва дар он ҷо дувоздаҳ чашмаи об ва ҳафтод
дарахти хурмо буд; ва дар он ҷо назди об ӯрду заданд+.

## Гуруснагӣ.

16 [1] Ва аз Элим равона шуданд, ва тамоми ҷамоати банӣ-Исроил
дар рӯзи понздаҳуми моҳи дуюм, баъд аз берун омаданашон аз
замини Миср, ба биёбони Син, ки дар миёни Элим ва Сино воқеъ аст,
расиданд+.
[2] Ва тамоми ҷамоати банӣ-Исроил дар биёбон аз Мусо ва Ҳорун
шикоят карданд.
[3] Ва банӣ-Исроил ба онҳо гуфтанд: «Кошки аз дасти Худованд дар
замини Миср мемурдем, вақте ки назди деги гӯшт менишастем ва
серона нон мехӯрдем! Зеро ки моро ба ин биёбон берун овардед, то
ки тамоми ин ҷамоатро аз гуруснагӣ бикушед»+.
[4] Ва Худованд ба Мусо гуфт: «Инак, Ман барои шумо нон аз осмон
мебоsurvivingнам, ва бигзор қавм берун омада, ризқи ҳаррӯзаро ҷамъ
кунанд, то онҳоро имтиҳон намоям, ки оё мувофиқи шариати Ман
рафтор мекунанд, ё не.
[5] Ва дар рӯзи шашум чунин воқеъ хоҳад шуд, ки дар вақти тайёр
кардани он чи чида овардаанд, назар ба миқдоре ки ҳар рӯз
мечиданд, дучандон хоҳад буд».
[6] Ва Мусо ва Ҳорун ба тамоми банӣ-Исроил гуфтанд: «Шомгоҳон
хоҳед донист, ки Худованд шуморо аз замини Миср берун овардааст;
[7] Ва бомдодон ҷалоли Худовандро хоҳед дид, зеро ки Ӯ шикоятеро,
ки шумо аз Худованд кардаед, шунидааст; ва мо чистем, ки аз мо
шикоят мекунед?»+
[8] Ва Мусо гуфт: «Пас, Худованд барои шумо шомгоҳон гӯшт хоҳад
дод, то ки бихӯред, ва бомдодон нони серона; зеро Худованд
шикоятҳои шуморо, ки аз Ӯ кардаед, шунидааст; ва мо чистем?
Шикоятҳои шумо на аз мо, балки аз Худованд аст».
[9] Ва Мусо ба Ҳорун гуфт: «Ба тамоми ҷамоати банӣ-Исроил бигӯ:
„Ба ҳузури Худованд наздик оед, зеро ки Ӯ шикоятҳои шуморо
шунидааст“».
[10] Ва чунин вокеъ шуд, ки чун Ҳорун ба тамоми ҷамоати банӣ-
Исроил сухан меронд, онҳо сӯи биёбон рӯй гардониданд, ва инак,
ҷалоли Худованд дар абр зоҳир шуд.
[11] Ва Худованд ба Мусо сухан ронда, гуфт:

12 «Ман шикоятҳои банӣ-Исроилро шунидаам; ба онҳо сухан
ронда, бигӯ: „Шомгоҳон гӯшт хоҳед хӯрд, ва бомдодон аз нон сер
хоҳед шуд; ва хоҳед донист, ки Ман Худованд Худои шумо ҳастам“».
13 Ва шомгоҳон чунин вокеъ шуд, ки бедонаҳо пайдо шуда,
ӯрдугоҳро пӯшонид; ва бомдодон як қабат шабнам гирдогирди
ӯрдугоҳ нишаст+.

## Манн — тимсоли Масеҳ.

14 Ва ҳангоме ки қабати шабнам нопадид шуд, инак, бар рӯи
биёбон чизи резаи лӯнда-лӯндае, резгие мисли яхча бар замин
хобидааст.
15 Ва банӣ-Исроил онро диданд, ва ба якдигар гуфтанд: «Ин чист?»
Зеро намедонистанд, ки он чист. Ва Мусо ба онҳо гуфт: «Ин нон аст,
ки Худованд ба шумо додааст, то ки бихӯред.
16 Ин аст амре ки Худованд фармудааст: ҳар кас аз он ба андозаи
хӯрданаш бигирад, яъне як ӯмар барои ҳар сар, мувофиқи шумораи
нуфуси шумо; ҳар яке барои касоне ки дар хаймаи вай ҳастанд,
бигиред»+.
17 Ва банӣ-Исроил чунин карданд, ва баъзе бисьёр ва баъзе кам
чида гирифтанд.
18 Ва ҳангоме ки бо ӯмар чен карданд, он ки бисьёр чида буд,
зиёдатӣ надошт, ва он ки кам чида буд, камӣ надошт: ҳар яке ба
андозаи хӯрданаш чида буд+.
19 Ва Мусо ба онҳо гуфт: «Касе аз он то субҳ боқӣ нагузорад».
20 Вале онҳо ба Мусо гӯш надоданд, ва баъзе касон аз он то субҳ
боқӣ гузоштанд, ва он кирм карда, бӯй гирифт; ва Мусо бар онҳо
хашмгин шуд.
21 Ва онро ҳар субҳ, ҳар яке ба андозаи хӯрдани худ, мечиданд; ва
ҳамин ки офтоб гарм мекард, вай об мешуд.
22 Ва чунин воқеъ шуд, ки дар рӯзи шашум дучандон нон чиданд,
яъне ду ӯмар барои ҳар одам; ва ҳамаи сардорони ҷамоат омада, ба
Мусо хабар доданд.

## Қарордод дар бораи шанбе; тимсоли оромии абадӣ.

23 Ва ӯ ба онҳо гуфт: «Ин аст он чи Худованд гуфтааст: фардо
оромӣ, шанбеи муқаддаси Худованд аст, он чи пухтан хоҳед —

бипазед, ва он чи ҷӯшонидан хоҳед — биҷӯшонед, ва ҳар он чи
зиёдатӣ кунад, барои худ саришта карда то субҳ нигоҳ доред»+.
24 Ва онро то субҳ нигоҳ доштанд, чунон ки Мусо амр фармуда буд;
ва он бӯй нагирифт, ва кирм ҳам дар он пайдо нашуд.
25 Ва Мусо гуфт: «Имрӯз онро бихӯред, зеро ки имрӯз шанбеи
Худованд аст; имрӯз онро дар саҳро нахоҳед ёфт.
26 Шаш рӯз онро бичинед, ва рӯзи ҳафтум шанбест; он дар ин рӯз
нахоҳад буд».
27 Ва чунин воқеъ шуд, ки баъзе аз қавм барои чидан баромаданд,
вале наёфтанд.
28 Ва Худованд ба Мусо гуфт: «То ба кай аз риоя кардани аҳком ва
дастуроти Ман гардан мекашед?
29 Бубинед, ки Худованд шанберо ба шумо бахшидааст, бинобар ин
Ӯ дар рӯзи шашум нони дурӯзаро ба шумо медиҳад; пас, ҳар яке дар
ҷои худ биншинед, ҳеҷ кас дар рӯзи ҳафтум аз маконаш берун
наравад!»
30 Ва қавм дар рӯзи ҳафтум ором гирифтанд.
31 Ва хонадони Исроил онро манн номиданд; ва он ба тухми
кашниҷ монанд буда, ранги сафед дошт, ва таъмаш мисли кулчаи
асалин буд.
32 Ва Мусо гуфт: «Ин аст амре ки Худованд фармудааст: „Ӯмаре аз
он пур кунед, барои он ки дар наслҳои шумо нигоҳ дошта шавад, то
нонеро бубинанд, ки дар биёбон шуморо аз он хӯронида будам, вақте
ки шуморо аз замини Миср берун овардам“».
33 Ва Мусо ба Ҳорун гуфт: «Зарфе бигир, ва ӯмари пур аз маннро
дар он бимон, ва онро ба хузури Худованд бигузор, то ки барои
наслҳои шумо нигоҳ дошта шавад».
34 Чунон ки Худованд ба Мусо амр фармуд, ончунон Ҳорун онро
пеши алвоҳи шаҳодат гузошт, то ки нигоҳ дошта шавад.
35 Ва банӣ-Исроил чил сол манн хӯрданд, то вақте ки ба замини
маскун расиданд, яъне то вақте ки ба ҳудуди замини Канъон қадам
монданд, манн хӯрданд+.
36 Ва ӯмар даҳьяки эфа мебошад.

## Ташнагӣ.

17 [1]Ва тамоми ҷамоати банӣ-Исроил, бо амри Худованд, аз
биёбони Син ба сафари худ равона шуданд; ва дар Рафидим
ӯрду заданд, ва обе барои нӯшидани қавм набуд+.
[2]Ва қавм бо Мусо низоъ карда, гуфтанд: «Ба мо об диҳед, то
бинӯшем». Ва Мусо ба онҳо гуфт: «Чаро бо ман низоъ мекунед? Чаро
Худовандро меозмоӣ?»+
[3]Ва дар он ҷо қавм ташнаи об буданд, ва қавм аз Мусо шикоят
карда гуфтанд: «Чаро моро аз Миср берун овардӣ, то ки мо ва
фарзандони мо ва чорвои моро аз ташнагӣ бикушӣ?»
[4]Ва Мусо сӯи Худованд нола карда, гуфт: «Бо ин қавм чӣ кунам?
Андаке мондааст, ки маро сангсор кунанд»+.

## Об аз сахра; тимсоли Масеҳ, ки Рӯҳи Худро пешкаш мекунад.

[5]Ва Худованд ба Мусо гуфт: «Пеши қавм убур намо, ва аз пирони
Исроил бо худ бигир; ва асои худро, ки наҳрро бо он задӣ, ба дастат
гирифта, равона шав.
[6]Инак, Ман дар он ҷо пеши ту бар сахрае ки дар Ҳӯриб аст,
меистам, ва ту сахраро мезанӣ, ва об аз он мебарояд, ва қавм
менӯшанд». Ва Мусо пеши назари пирони Исроил чунин кард+.
[7]Ва он маконро Массо ва Мерибо* ном ниҳод, ба сабаби ҷидоли
банӣ-Исроил ва Худовандро озмуданашон, ки гуфта буданд: «Оё дар
миёни мо Худованд ҳаст, ё не?»

## Ҳарбу зарб бо Амолеқ.

[8]Ва Амолеқ омада, дар Рафидим бо Исроил ҷанг кард+.
[9]Ва Мусо ба Еҳушаъ гуфт: «Мардонро барои мо интихоб намо ва
баромада, бо Амолеқ ҳарбу зарб кун; фардо ман бар қуллаи тал
хоҳам истод, ва асои Худо дар дастам хоҳад буд».
[10]Ва Еҳушаъончунон, ки Мусо ба ӯ амр фармуда буд, амал намуд,
то ки бо Амолеқ ҳарбу зарб кунад; ва Мусо, Ҳорун ва Ҳур бар қуллаи
тал баромаданд.
[11]Ва чунин воқеъ шуд, ки чун Мусо дасташро мебардошт, Исроил
дастболо мешуд, ва ҳамин ки дасташро мефуровард, Амолеқ
дастболо мешуд.

[12] Вале дастҳои Мусо бемаҷол гардид; ва санге гирифта, ба таги ӯ
гузоштанд, ва ӯ бар он нишаст, ва Ҳорун ва Ҳур, яке аз ин тараф ва
дигаре аз он тараф, дастҳои ӯро бардошта нигоҳ медоштанд; ва
дастҳои ӯ то ғуруби офтоб устувор монд.
[13] Ва Еҳушаъ Амолеқ ва қавми варо бо дами шамшер зарба зад.
[14] Ва Худованд ба Мусо гуфт: «Инро барои ёдгорӣ дар китоб
бинавис, ва гӯшраси Еҳушаъ намо, ки Ман зикри Амолеқро аз зери
осмон тамоман маҳв хоҳам кард»+.
[15] Ва Мусо қурбонгоҳе бино кард, ва онро Худованд Ниссӣ* ном
монд.
[16] Ва гуфт: «Зеро ки даст бар тахти Худованд аст, ҷанги Худованд
бар зидди Амолеқ аз насл ба насл хоҳад буд».

## Вохӯрии Мусо бо Йитрӯ; таъин намудани доварон.

**18** [1] Ва Йитрӯ, коҳини Мидьён, падарарӯси Мусо, ҳар он чиро, ки
Худо барои Мусо ва барои қавми Худ Исроил карда буд, яъне
Исроилро аз Миср берун оварда буд, шунид+.
[2] Ва Йитрӯ, падарарӯси Мусо, Сифӯра, зани Мусоро гирифт, баъд
аз он ки варо гардонида фиристода буд,
[3] Ва ду писари ӯро, ки номи яке Ҷершӯн буд, зеро ки ӯ гуфта буд:
«Дар замини бегона ғариб ҳастам»;
[4] Ва номи дигаре Элиозар буд, зеро ки ӯ гуфта буд: «Худои
падарам мададгори ман аст, ва маро аз шамшери фиръавн раҳо
кардааст».
[5] Ва Йитрӯ, падарарӯси Мусо, бо писарон ва зани ӯ назди Мусо ба
биёбон омад, ки ӯ дар он ҷо, назди кӯҳи Худо ӯрду зада буд.
[6] Ва ба Мусо хабар дод: «Ман, падарарӯси ту Йитрӯ, бо занат ва ду
писарат назди ту омадаам».
[7] Ва Мусо ба пешвози падарарӯсаш баромад, ва таъзим намуда,
варо бӯсид, ва аз саломатии якдигар пурсупос карданд, ва ба хайма
даромаданд.
[8] Ва Мусо ба падарарӯсаш дар бораи ҳар он чи Худованд ба
фиръавн ва мисриён ба хотири Исроил карда буд, ва дар бораи ҳамаи
душвориҳое ки дар роҳ ба онҳо рӯй дода ва Худованд онҳоро
раҳонида буд, ҳикоят намуд.
[9] Ва Йитрӯ аз тамоми некие ки Худованд ба Исроил карда, онҳоро
аз дасти мисриён раҳонида буд, шод шуд.
[10] Ва Йитрӯ гуфт: «Муборак аст Худованд, ки шуморо аз дасти
мисриён ва аз дасти фиръавн раҳонидааст, ва ин қавмро аз зери
дасти мисриён раҳо кардааст.
[11] Алҳол донистам, ки Худованд аз ҳамаи худоён бузургтар аст,
алалхусус дар бобати он зулме ки дар ҳаққи онҳо карда буданд»+.
[12] Ва Йитрӯ, падарарӯси Мусо, қурбонии сӯхтанӣ ва забҳҳо барои
Худованд гирифт; ва Ҳорун ва ҳамаи пирони Исроил омаданд, то ки
бо падарарӯси Мусо ба ҳузури Худованд нон бихӯранд.
[13] Ва фардояш чунин воқеъ шуд, ки Мусо биншаст, то ки қавмро
доварӣ намояд; ва қавм назди Мусо аз субҳ то шом биистоданд.

14 Ва падарарӯси Мусо ҳар он чиро, ки ӯ ба қавм мекард, дид, ва
гуфт: «Ин чӣ кор аст, ки ту ба қавм мекунӣ? Чаро ту танҳо
менишинӣ, ва тамоми қавм назди ту аз субҳ то шом меистанд?»
15 Ва Мусо ба падарарӯси худ гуфт: «Зеро қавм назди ман меоянд,
то ки аз Худо пурсон кунанд;
16 Вақте ки дар миёни онҳо даъвое пайдо мешавад, назди ман
меоянд, ва ман байни ҳар кас ва ёри вай доварӣ мекунам, ва фароизи
Худо ва дастуроти Ӯро мефаҳмонам».
17 Вале падарарӯси Мусо ба ӯ гуфт: «Он чи ту мекунӣ, хуб нест;
18 Ҳам ту ва ҳам ин қавме ки бо ту ҳастанд, тамоман бемаҷол
хоҳед шуд; зеро ки ин кор барои ту гарон аст, худат танҳо
наметавонӣ онро ба ҷо оварӣ;+
19 Алҳол ба овози ман гӯш деҳ, ман ба ту машварате медиҳам, ва
Худо бо ту хоҳад буд: ту барои қавм ба ҳузури Худо бош, ва
масъалаҳои онҳоро ба Худо бирасон;
20 Ва фароизу дастуротро ба онҳо бифаҳмон; ва роҳеро, ки бо он
бояд бираванд, ва кореро, ки бояд бикунанд, ба онҳо нишон деҳ.
21 Ва ту аз миёни тамоми қавм мардони ҳалолкор, худотарс,
мардони росткори аз тамаъ нафратдоштаро баргузида, бар онҳо
таъин намо, то ки мириҳазорҳо, мирисадҳо, мирипанҷоҳҳо ва
миридаҳҳо бошанд,+
22 Ва қавмро ҳар вақт доварӣ намоянд, ва ҳар масъалаи муҳимро
назди ту оваранд, вале ҳар масъалаи камаҳамиятро худашон ҳал
кунанд; ва бори ту сабук шуда, онҳо онро бо ту хоҳанд бардошт.
23 Агар ин корро бикунӣ, ва Худо ба ту чунин амр фармояд, он гоҳ
метавонӣ истодагӣ намоӣ; ва тамоми ин қавм низ ба макони худ ба
саломатӣ хоҳанд расид».
24 Ва Мусо ба овози падарарӯсаш гӯш дод, ҳар он чи вай гуфта буд,
ба амал овард.
25 Ва Мусо мардони ҳалолкорро аз миёни тамоми Исроил
баргузида, бар қавм сардор, яъне мириҳазорҳо, мирисадҳо,
мирипанҷоҳҳо ва миридаҳҳо таъин намуд+.
26 Ва онҳо қавмро ҳар вақт доварӣ мекарданд, ҳар масъалаи
мушкилро назди Мусо меоварданд, ва ҳар масъалаи камаҳамиятро
худашон ҳал мекарданд+.
27 Ва Мусо падарарӯсашро равона кард, ва вай ба диёри худ рафт.

## Исроил дар домани кӯҳи Сино. Худо ба Мусо зоҳир мешавад.

19 1 Дар моҳи сеюми берун омадани банӣ-Исроил аз замини
Миср, дар ҳамои рӯз, онҳо ба биёбони Сино расиданд.
2 Ва аз Рафидим равона шуда, ба биёбони Сино омаданд, ва дар
биёбон ӯрду заданд; ва дар он ҷо Исроил рӯ ба рӯи кӯҳ ӯрду заданд+.
3 Ва Мусо сӯи Худо баромад, ва Худованд аз кӯҳ ӯро даъват
намуда, гуфт: «Ба хонадони Яъқуб чунин бигӯ ва ба банӣ-Исроил
хабар бидеҳ:
4 Шумо он чиро, ки Ман ба мисриён кардам, дидед, ва Ман шуморо
бар болҳои уқобон бардоштам, ва шуморо назди Худ овардам+.
5 Ва алҳол, агар шумо ба овози Ман ба яқин гӯш диҳед, ва аҳди
Маро риоят кунед, шумо ганҷи гузини Ман аз миёни ҳамаи қавмҳо
хоҳед буд; зеро ки тамоми замин аз они Ман аст+.
6 Ва шумо барои Ман мамлакати коҳинон ва халқи муқаддас хоҳед
буд. Ин аст суханоне ки ту бояд ба банӣ-Исроил бигӯӣ»+.
7 Ва Мусо омада, пирони қавмро даъват намуд, ва ҳамаи ин
суханонро, ки Худованд ба ӯ амр фармуда буд, ба онҳо пешниҳод
кард.
8 Ва тамоми қавм якҷоя ҷавоб гардонида, гуфтанд: «Ҳар он чи
Худованд гуфтааст, ба ҷо хоҳем овард». Ва Мусо суханони қавмро ба
Худованд ҳабар дод+.
9 Ва Худованд ба Мусо гуфт: «Инак, Ман дар абри ғализе назди ту
меоям, то қавм бишнаванд, ки чӣ гуна Ман бо ту сухан меронам, ва
он гоҳ ба ту низ ҳамеша имон хоҳанд овард». Ва Мусо суханони
қавмро ба Худованд хабар дод.
10 Ва Худованд ба Мусо гуфт: «Назди қавм рафта, онҳоро имрӯз ва
фардо тақдис намо, ва бигзор онҳо либосҳошонро шустушӯ кунанд,+
11 Ва ба рӯзи сеюм тайёр бошанд, зеро ки дар рӯзи сеюм Худованд,
пеши назари тамоми қавм, бар кӯҳи Сино фурӯд хоҳад омад.
12 Ва ҳадде барои қавм гирдогирд муқаррар намуда, бигӯ: „Аз
баромадан бар кӯҳ ва ламс кардани домани он эҳтиёт шавед; ҳар кӣ
кӯҳро ламс кунад, ба яқин хоҳад мурд.
13 Бигзор дасте ба вай расонида нашавад, балки вай ё сангсор
карда шавад, ё ки тир зада кушта шавад; хоҳ чорпо бошад хоҳ одам, —

набояд зинда монад“. Дар баробари навохтани карнай онҳо
метавонанд бар кӯҳ бароянд»+.
[14] Ва Мусо аз кӯҳ назди қавм фурӯд омада, қавмро тақдис намуд,
ва онҳо либосҳошонро шустушӯ карданд.
[15] Ва ба қавм гуфт: «Ба рӯзи сеюм тайёр бошед; ба занон наздикӣ
накунед».
[16] Ва дар рӯзи сеюм чунин воқеъ шуд, ки баробари дамидани субҳ
раъдҳо ва барқҳо ба амал омада, абри ғализе кӯҳро фаро гирифт, ва
садои бағоят баланди шох ба гӯш расид; ва тамоми қавме ки дар
ӯрдугоҳ буданд, ба ларза даромаданд.
[17] Ва Мусо қавмро ба истиқболи Худо аз ӯрдугоҳ берун овард, ва
онҳо дар домани кӯҳ истоданд.
[18] Ва тамоми қӯҳи Синоро дуд фаро гирифта буд, чунки Худованд
дар оташ бар он фурӯд омад, ва дуди он мисли дуди хумдон
мебаромад; ва тамоми кӯҳ бағоят меларзид.
[19] Ва садои шох торафт пурзӯр мешуд; Мусо сухан меронд, ва Худо
ба овоз ҷавоб мегардонид.
[20] Ва Худованд бар кӯҳи Сино, бар қуллаи кӯҳ фурӯд омад, ва
Худованд Мусоро ба қуллаи кӯҳ даъват намуд, ва Мусо баромад.
[21] Ва Худованд ба Мусо гуфт: «Фурӯд омада, қавмро огоҳ намо,
мабодо барои дидани Худованд ҳадро вайрон карда гузаранд, — ва
бисьёре аз онҳо бимиранд+.
[22] Ва низ коҳиноне ки ба Худованд наздик меоянд, бояд худро
тақдис намоянд, то ки Худованд онҳоро зарба назанад»+.
[23] Ва Мусо ба Худованд гуфт: «Қавм ба кӯҳи Сино наметавонанд
бароянд, зеро ки Ту маро огоҳ намуда, гуфтаӣ: „Назди кӯҳ ҳадде
гузошта, онро тақдис намо“».
[24] Ва Худованд ба ӯ гуфт: «Бирав, фурӯд ой, ва баъд баро, ва Ҳорун
ҳамроҳи ту бошад; вале коҳинон ва қавм ҳадро вайрон карда
нагузаранд, то ки назди Худованд боло бароянд, мабодо Ӯ онҳоро
зарба занад».
[25] Ва Мусо назди қавм фурӯд омада, ба онҳо сухан ронд.

## Фароизи Сино.

20 1 •Ва Худо ин суханонро ба забон ронда, гуфт:
2 «Ман Худованд Худои ту ҳастам, ки туро аз замини Миср, аз
хонаи ғуломӣ берун овардам+.
3 Туро худоёни дигар, ҷуз Ман, набояд бошад+.
4 Санаме ва ҳар сурате аз он чи дар осмон аз болост, ва аз он чи
дар замин аз поён аст, ва аз он чи дар об аз зери замин аст, барои худ
насоз+.
5 Ба онҳо саҷда набар ва онҳоро ибодат накун; зеро ки Ман
Худованд Худои ту ҳастам, Худои ғаюре ҳастам, ки барои гуноҳи
падарон аз писарон, то насли сеюм ва чорум, аз онҳое ки аз Ман
нафрат дошта бошанд, интиқом мегирам;+
6 Ва то ҳазорон насл, ба онҳое ки Маро дӯст медоранд ва аҳкоми
Маро ба ҷо меоваранд, марҳамат мекунам+.
7 Исми Худованд Худои худро беҳуда ба забон нагир, зеро ки
Худованд касеро, ки исми Ӯро беҳуда ба забон мегирад, беҷазо
нахоҳад гузошт+.
8 Рӯзи шанберо дар хотир нигоҳ дор, то ки онро тақдис намоӣ+.
9 Шаш рӯз кор кун ва ҳар амалатро ба ҷо овар;
10 Вале рӯзи ҳафтум шанбеи Худованд Худои туст; дар он ҳеҷ кор
накун, худат ва писарат, ва духтарат, ва ғуломат, ва канизат, ва
чорпоят, ва ғарибат, ки андаруни дарвозаҳои туст.
11 Зеро ки дар шаш рӯз Худованд осмон ва замин, ва баҳр, ва ҳар он
чиро, ки дар онҳост, ба вуҷуд овард, ва дар рӯзи ҳафтум ором гирифт;
бинобар ин Худованд рӯзи шанберо муборак хонд ва онро тақдис
намуд.
12 Падари худ ва модари худро иззат намо, то ки умри ту бар
замине ки Худованд Худои ту ба ту медиҳад, дароз шавад+.
13 Қатл накун+.
14 Зино накун+.
15 Дуздӣ накун+.
16 Дар ҳаққи ёри худ шаҳодати дурӯғ надеҳ+.
17 Хонаи ёри худро тамаъ накун; зани ёрат, ва ғуломаш, ва
канизаш, ва говаш, ва харaш, ва ҳар чизеро, ки аз они ёрат бошад,

тамаъ накун»+.
18 Ва чун тамоми қавм раъдҳо, ва забонаҳои оташ, ва садои шох, ва
кӯҳи пур аз дудро диданд ва шуниданд, паснокӣ рафтанд, ва аз дур
истоданд.
19 Ва ба Мусо гуфтанд: «Ту бо мо сухан бигӯ, ва мо хоҳем шунид,
вале Худо бо мо сухан нагӯяд, мабодо бимирем»+.
20 Ва Мусо ба қавм гуфт: «Натарсед, зеро ки Худо барои озмудани
шумо омадааст, то ки тарси Ӯ пеши рӯи шумо бошад, ва шумо гуноҳ
накунед».
21 Ва қавм аз дур истоданд, ва Мусо сӯи меғ, ки Худо дар он ҷо буд,
наздик омад.
22 Ва Худованд ба Мусо гуфт: «Ба банӣ-Исроил чунин бигӯ: „Шумо
дидед, ки Ман аз осмон ба шумо сухан рондам.
23 Бо Ман худоёни нуқра насозед, ва худоёни тилло барои худ
насозед.
24 Қурбонгоҳи хокӣ барои Ман бисоз, ва қурбониҳои сӯхтании худ
ва қурбониҳои саломатии худро аз гӯсфандон ва говони худ бар он
тақдим намо; дар ҳар ҷое ки Ман зикри исми Худро муқаррар
намоям, Ман назди ту омада, туро баракат хоҳам дод.
25 Ва агар қурбонгоҳи сангин барои Ман бисозӣ, онро аз сангҳои
тарошида бино накун; зеро ки агар афзоли худро ба он бирасонӣ,
онро палид хоҳӣ кард+.
26 Ва бар қурбонгоҳи Ман бо зинапоя набаро, то ки аврати ту бар
он яла нашавад“».

## Фароиз дар бораи ғуломон, қатл ва зиёни ҷисмонӣ.

21 1 «Ва ин аст фароизе ки ба онҳо пешниҳод хоҳӣ кард:
2 Агар ғуломи ибрӣ бихарӣ, бигзор ӯ шаш сол кор кунад, ва
дар соли ҳафтум муфт ба озодӣ барояд+.
3 Агар ӯ танҳо омада бошад, бигзор танҳо барояд; агар соҳиби зан
бошад, бигзор занаш бо ӯ барояд.
4 Агар оғояш зане ба ӯ дода бошад, ва вай барои ӯ писарон ё
духтарон зоида бошад, бигзор зан ва бачагонаш назди оғои ӯ
бимонанд, ва ӯ танҳо барояд.
5 Вале агар он ғулом гӯяд: „Оғои худ, занам ва бачагонамро дӯст
медорам, намехоҳам ба озодӣ бароям“, —
6 Бигзор оғояш ӯро назди худоён* биёрад, ва ӯро ба дар ё ба
паҳлударӣ наздик оварад, ва оғояш гӯши ӯро бо бигиз сӯрох кунад, ва
ӯ якумрӣ ғуломи вай хоҳад буд+.
7 Ва агар касе духтари худро ба канизӣ бифрӯшад, вай мисли
баромадани ғуломон наметавонад барояд.
8 Агар вай ба назари оғояш, ки варо барои худ номзад карда буд,
писанд наомада бошад, бигзор ӯ имконият диҳад, ки барои вай
фидия диҳанд; аммо ӯ ҳақ надорад, ки варо ба қавми бегонае
бифрӯшад, дар сурате ки худаш дар ҳаққи вай хиёнат кардааст.
9 Ва агар ӯ варо барои писари худ номзад кунад, бигзор нисбат ба
вай мувофиқи ҳуқуқи духтарон рафтор намояд.
10 Агар ӯ зани дигаре барои худ гирад, набояд зани аввалро аз
хӯрок, либос ва ҳуқуқи заношӯӣ маҳрум кунад+.
11 Ва агар ин се тадбирро барои вай наандешад, бигзор вай муфт,
бе фидия барояд.
12 Ҳар кӣ касеро бизанад, ва он кас бимирад, бигзор вай маҳкуми
қатл гардад+.
13 Вале агар вай қасдан амал накарда бошад, балки Худо он касро
зери дасти вай рост оварда бошад, — Ман маконе барои ту муқаррар
хоҳам кард, то ки вай ба он ҷо бигрезад+.
14 Ва агар шахсе ба ёри худ қасд карда бошад, ки варо бо роҳи
фиреб бикушад, — варо аз пеши қурбонгоҳи Ман гирифта, ба қатл
бирасон+.

15 Ва ҳар кӣ падар ё модари худро бизанад, бигзор вай маҳкуми қатл гардад.

16 Ва ҳар кӣ касеро дуздида бифрӯшад, ё ӯ дар дасташ ёфт шавад, бигзор вай маҳкуми қатл гардад+.

17 Ва ҳар кӣ падар ё модари худро таҳқир намояд, бигзор вай маҳкуми қатл гардад+.

18 Ва агар одамон хархаша карда, яке дигареро бо санг ё бо мушт бизанад, ва ӯ намирад, балки бемори бистарӣ шавад, —

19 Агар ӯ бархезад ва бо асо дар кӯча роҳ равад, он гоҳ шахсе ки ӯро задааст, аз ҷазо фориғ хоҳад буд; аммо вай бояд талофии бекории ӯро бидиҳад ва харҷи табобаташро адо намояд.

20 Ва агар шахсе ғуломи худ ё канизи худро бо таёқе бизанад, ва ӯ зери дасти вай якбора бимирад, — вай бояд махкуми интиқом гардад.

21 Вале агар ӯ як-ду рӯз зинда монад, — набояд вай маҳкуми интиқом гардад, зеро ки ӯ зархариди вай аст.

22 Ва агар одамон дастбагиребон шаванд, ва зани ҳомиладорро бизананд, ва ӯ бача афтонад, вале зарари дигаре ба ӯ нарасад, — айбдор бо ҷаримае ҷазо дода мешавад, вақте ки шавҳари зан онро аз вай талаб кунад, ва онро вай бояд мувофиқи ҳукми доварон адо намояд.

23 Ва агар зараре ба ӯ расад, он гоҳ ҷон дар ивази ҷон бидеҳ,

24 Чашм дар ивази чашм, дандон дар ивази дандон, даст дар ивази даст, пой дар ивази пой,

25 Сӯзониш дар ивази сӯзониш, ҷароҳат дар ивази ҷароҳат, лат дар ивази лат+.

26 Ва агар касе чашми ғуломи худ ё чашми канизи худро бизанад, ва онро маиб кунад, — бигзор варо дар ивази чашмаш озод карда фиристад.

27 Ва агар дандони ғуломи худ ё дандони канизи худро зада ғалтонад, — бигзор варо дар ивази дандонаш озод карда фиристад.

28 Ва агар гове мард ё занро шох занад, ва ӯ бимирад, — он говро бояд сангсор кунанд ва гӯшташро нахӯранд; вале соҳиби гов айбдор нест+.

29 Ва агар гов дирӯз ва парирӯз ҳам шохзан бошад, ва соҳибаш аз ин огоҳӣ ёфт, вале онро саришта накард, ва он марде ё занеро кушт,

— бигзор говро сангсор кунанд, ва низ соҳибашро ба қатл расонанд.
30 Агар бар вай фидия гузошта шавад, бигзор вай фидияи ҷони
худро, ҳар қадар ки бар вай гузошта шуда бошад, адо намояд+.
31 Агар писаре ё духтареро шох зада бошад, мувофиқи ҳамин
фариза бояд ба вай амал кунанд.
32 Агар гов ғуломе ё канизеро шох занад, — сӣ сиқл нуқра ба оғои ӯ
бояд дода шавад, ва гов сангсор карда шавад.
33 Агар касе чоҳеро кушояд, ё касе чоҳе канад, ва онро напӯшонад,
ва гове ё харе дар он афтад —
34 Соҳиби чоҳ бояд товони онро адо намояд, яъне ба соҳиби он
нуқра бидиҳад, ва лоша аз они ӯ хоҳад буд+.
35 Ва агар гови касе гови ёри ӯро шох занад, ва он бимирад, —
бигзор гови зиндаро фурӯхта, пулашро тақсим кунанд; ва низ гови
мурдаро тақсим кунанд.
36 Ё агар маълум шуда бошад, ки он гов дирӯз ва парирӯз ҳам
шохзан буд, вале соҳибаш онро саришта накард, — ӯ бояд гове дар
ивази гов бидиҳад, ва гови мурда аз они ӯ хоҳад буд.

## Фароиз дар бораи моликият; дастурот дар бораи дӯст доштани ёр.

**22** 1 Агар касе гове ё гӯсфанде бидуздад, ва онро бикушад ё
бифрӯшад, — бояд дар ивази гов панҷ гов, ва дар ивази гӯсфанд
чор гӯсфанд бидиҳад+.
2 Агар дуздеро шабона дар вақти рахна карданаш дида, тавре
занандаш, ки вай бимирад, — барои вай гуноҳи хунрезӣ нахоҳад буд.
3 Аммо агар бар вай офтоб тулӯъ карда бошад, — барои вай гуноҳи
хун ҳаст, вай бояд албатта товон бидиҳад; агар вай чизе надошта
бошад, вай бояд барои талофии дуздиаш фурӯхта шавад.
4 Агар чизи дуздидаи вай, аз гов то хар ва гӯсфанд, дар дасташ
зинда ёфт шавад, — вай бояд дучанд товон бидиҳад+.
5 Агар касе киштзоре ё токзореро талаф кунонида бошад, яъне
чорпоёни худро сар дода, киштзори каси дигарро нобуд карда бошад,
— вай бояд беҳтарин киштзори худ ва беҳтарин токзори худро барои
товони он бидиҳад.
6 Агар оташе баромада, хорҳоро фаро гирад, ва бандҳои ғалла ё
хӯшаҳои нодаравида ё киштзорро бисӯзонад, — ҳар кӣ ин сӯхторро ба
вуҷуд оварда бошад, бояд албатта товонашро бидиҳад.
7 Агар касе нуқра ё колоеро назди ёри худ амонат бимонад, ва
амонаташ аз хонаи он шахс дуздида шавад, — агар дузд ёфт шавад,
вай бояд дучанд товон бидиҳад;
8 Аммо агар дузд ёфт нашавад, — бигзор соҳиби хона назди
доварон оварда шавад, то қасаме ёд кунад, ки ба моликияти ёри худ
даст дароз накардааст.
9 Дар ҳар масъалаи ҷанҷолӣ оид ба гов, хар, гӯсфанд, либос ва ҳар
чизи гумшуда, ки касе даъвои он дошта бошад, кори ҳар ду бояд
назди доварон оварда шавад; ҳар киро доварон айбдор кунанд, вай
бояд ба ёри худ дучанд товон бидиҳад.
10 Агар касе назди ёри худ харе, ё гове, ё гӯсфанде ва ё ҳар чорпои
дигарро амонат бимонад, ва он бимирад, ё пояш бишканад, ё дузде
онро бибарад, ба тавре ки шоҳид набошад, —
11 Бигзор қасами Худованд дар миёни ҳар ду ба кор бурда шавад
дар бораи он ки дасти худро ба моликияти ёри худ дароз накардааст;
ва соҳибаш бояд қабул кунад, ва он кас товон надиҳад+.

12 Вале агар аз ӯ дуздида шавад, ӯ бояд ба соҳибаш товон бидиҳад.
13 Агар дарида шавад, бояд онро барои исбот кардан биёрад; барои
даридашуда товон нахоҳад дод.
14 Ва агар касе аз ёри худ ҳайвонеро ба орият бигирад, ва он маиб
шавад ё бимирад, дар сурате ки соҳибаш бо он набошад, — он кас
бояд албатта товон бидиҳад.
15 Агар соҳибаш бо он бошад, — товон нахоҳад дод; агар он киро
карда шуда бошад, — товонаш ба киропулӣ дохил шудааст.
16 Ва агар касе дӯшизаеро, ки номзад нашудааст, фирефта намуда,
бо вай бихуспад, — ӯ бояд маҳр дода, варо барои худ ба занӣ
бигирад+.
17 Агар падари вай розӣ нашавад, ки варо ба ӯ бидиҳад, — ӯ бояд
баробари маҳри дӯшизагон нуқра бидиҳад.
18 Ҷодугарро зинда намон+.
19 Ҳар кӣ бо ҳайвоне алоқаи ҷинси кунад, — бояд албатта кушта
шавад+.
20 Касе ки барои худоён, ҷуз Худованди ягона, қурбонӣ кунад, —
бояд маҳв карда шавад.
21 Ва ғарибро фиреб надеҳ, ва ӯро ба танг наовар, зеро ки дар
замини Миср ғариб будед+.
22 Ҳеҷ як бевазан ва ятимро азият надиҳед+.
23 Агар ӯро азият диҳӣ, ва ӯ сӯи Ман нола кунад, — Ман нолаи ӯро
хоҳам шунид,
24 Ва хашми Ман аланга хоҳад зад, ва Ман шуморо бо шамшер
хоҳам кушт, ва занони шумо бева, ва фарзандони шумо ятим хоҳанд
шуд+.
25 Агар ба камбағале аз миёни қавми Ман, ки ҳамсояи ту бошад,
пул қарз диҳӣ, — ба вай мисли қарзхоҳ рафтор накун: суде ба
гардани вай бор накун+.
26 Агар либоси ёри худро ба гарав гирӣ, то вақти ғуруби офтоб
онро ба вай баргардон,+
27 Зеро ки он ягона пӯшоки вай аст, либосе барои бадани вай аст;
пас, вай чӣ пӯшида хоб равад? Ва агар вай сӯи Ман нола кунад, — Ман
хоҳам шунид, зеро ки Ман карим ҳастам.
28 Доваронро таҳқир накун, ва ба раисе ки дар қавми туст, лаънат
нагӯй+.

29 Дар овардани навбари ҳосилоти худ ва маҳсули чархушти худ
даранг накун; нахустзодаи писаронатро ба Ман бидеҳ+.
30 Бо гов ва гӯсфанди худ низ чунин бикун; бигзор ҳафт рӯз назди
модари худ бошад, дар рӯзи ҳаштум онро ба Ман бидеҳ+.
31 Ва барои Ман одамони муқаддас хоҳед буд, ва гӯштеро, ки дар
саҳро дарида шудааст, нахӯред; онро назди сагон бипартоед+.

## Фароиз дар бораи адолат ва дар бораи дӯст доштани ёр.

23 [1] Овозаи бекорароба забон нарон; дасти худро ба шарир
надеҳ, то ки шоҳиди козиб бошӣ+.
[2] Аксариятро дар роҳи бадкорӣ пайравӣ накун, ва дар мурофиа
бар хилофи виҷдони худ шаҳодат надеҳ, то ки моил ба аксарият
шуда, ба каҷкорӣ сабаб гардӣ.
[3] Ва нисбат ба камбағал дар мурофиаи вай рӯбинӣ накун+.
[4] Агар гов ё хари гумшудаи душманатро биёбӣ, — онро албатта ба
ӯ баргардон+.
[5] Агар хари душманатро бубинӣ, ки зери бораш афтида хобидааст,
— онро ба ҳолаш вогузор накун, балки ҳамроҳи ӯ бори онро фурор.
[6] Ҳуқуқи камбағали худро дар мурофиаи ӯ поймол накун+.
[7] Аз гапи дурӯғ канорагирӣ намо; ва бегуноҳу одилро накуш, зеро
ки Ман шарирро сафед нахоҳам кард+.
[8] Ва ришва нагир, зеро ки ришва биноёнро кӯр мегардонад, ва
суханони одилонро таҳриф мекунад+.
[9] Ва ғарибро ба танг наовар; ва шумо аз дили ғариб хабардор
ҳастед, зеро ки дар замини Миср ғариб будед+.

## Фароиз дар бораи рӯзи ҳафтум ва соли ҳафтум.

[10] Ва шаш сол замини худро киштукор намо, ва ҳосилашро ҷамъ
кун;
[11] Ва дар соли ҳафтум онро ором гузор ва тарк намо, то ки
камбағалони қавмат аз он бихӯранд, ва он чи аз онҳо боқӣ монад,
ҳайвоноти саҳро бихӯранд; бо токзори худ ва бо дарахтони зайтуни
худ низ чунин амал намо+.
[12] Шаш рӯз корҳои худро ба ҷо овар, ва дар рӯзи ҳафтум ором гир,
то ки говат ва харат фароғат ёбад, ва писари канизат ва ғариб
истироҳат кунанд+.
[13] Ва ҳар он чиро, ки Ман ба шумо гуфтаам, риоя намоед; ва номи
худоёни дигарро зикр накунед, он аз забонатон шунида нашавад+.

## Фароиз дар бораи се ид.

[14] Се маротиба ҳар сол барои Ман ид бикун:+

15 Иди фатирро риоя намо; ҳафт рӯз, чунон ки ба ту амр
фармудаам, дар вақти муайяни моҳи абиб фатир бихӯр, зеро ки дар
он вақт ту аз Миср берун омадаӣ; ва бигзор ба ҳузури Ман тиҳидаст
наоянд;+
16 Ва иди дарави навбари ғалладонаи худро, ки дар саҳро кишт
кардаӣ; ва иди ҷамъовариро дар охири сол, вақте ки ҳосили меҳнати
худро аз саҳро ҷамъ кардаӣ+.
17 Соле се маротиба тамоми наринаи ту бояд ба ҳузури Худованди
Парвардигор ҳозир шаванд+.
18 Хуни қурбонии Маро бо якҷоягии хамиртуруш тақдим накун, ва
чарбуи қурбонии идонаи Ман то субҳ боқӣ намонад.
19 Навбари аввалини заминатро ба хонаи Худованд Худои худ
биёр. Бузғоларо дар шири модари он напаз+.

## Ваъдаҳо дар бораи замини Канъон.

20 Инак, Ман фариштае пешопеши ту мефиристам, то ки туро дар
роҳ нигаҳбонӣ карда, ба маконе ки муҳайё намудаам, бирасонад+.
21 Аз вай эҳтиёт шав ва ба овозаш гӯш деҳ; ба вай мухолифат
нанамо, зеро ки вай гуноҳи шуморо афв нахоҳад кард, чунки исми
Ман андаруни вай аст.
22 Агар ту ба овози вай гӯш диҳӣ, ва ҳар он чи Ман бигӯям, ба ҷо
оварӣ, он гоҳ Ман ба душманони ту душман хоҳам буд, ва ба
бадхоҳонат бадхоҳӣ хоҳам кард+.
23 Зеро ки фариштаи Ман пешопеши ту равона шуда, туро ба сӯи
амӯриён, ва ҳиттиён, ва фариззиён, ва канъониён, ва ҳиввиён, ва
ябусиён хоҳад овард, ва Ман онҳоро несту нобуд хоҳам кард+.
24 Ба худоёни онҳо саҷда набар, ва онҳоро ибодат нанамо, ва
мисли аъмоли онҳо амал накун, балки онҳоро торумор соз, ва
ҳайкалҳошонро албатта бишкан+.
25 Ва Худованд Худои худро ибодат намоед, ва ӯ нони ту ва оби
туро баракат хоҳад дод; ва Ман бемориҳоро аз миёни ту дур хоҳам
кард+.
26 Дар замини ту зани бачапарто ва нозой нахоҳад буд; шумораи
рӯзҳоятро пурра хоҳам кард+.
27 Ҳайбати Худро пешопеши ту хоҳам фиристод, ва ҳар қавмеро,
ки ту наздашон биёӣ, ба изтироб хоҳам афканд, ва ҳамаи

душманонатро аз пеши ту дар гурез хоҳам андохт+.
[28] Ва пешопеши ту занб ӯрҳоро хоҳам фиристод, ва онҳо ҳиввиён,
ва канъониён ва ҳиттиёнро аз пеши ту бадар хоҳанд ронд+.
[29] Онҳоро аз пеши ту дар як сол бадар нахоҳам ронд, мабодо замин
валангор гардад, ва ҳайвоноти саҳро бар зарари ту афзун шаванд+.
[30] Онҳоро аз пеши ту кам-кам бадар хоҳам ронд, то ки ту афзоиш
ёфта, заминро ба тасарруфи худ дароварӣ.
[31] Ва худуди туро аз баҳри Қулзум то баҳри фалиштиён, ва аз
биёбон то наҳри Фурот муқаррар хоҳам кард; зеро ки сокинони ин
заминро ба дасти шумо хоҳам супурд, ва ту онҳоро аз пеши худ бадар
хоҳӣ ронд+.
[32] Бо онҳо ва бо худоёнашон аҳд набанд.
[33] Бигзор онҳо дар замини ту сукунат надошта бошанд, мабодо
туро бар зидди Ман осӣ гардонанд, ва ту худоёни онҳоро ибодат
намоӣ, ва ин барои ту санги роҳ гардад»+.

## Дар бораи хаймаи ҷомеъ. Ба Худо саҷда бурдани қавм.

**24** 1 Ва Ӯ ба Мусо гуфт: «Сӯи Худованд боло баро, ту ва Ҳорун,
Нодоб ва Абиҳу, ва ҳафтод нафар аз пирони Исроил, ва аз дур
саҷда баред;+
2 Ва бигзор Мусо танҳо ба Худованд наздик ояд, ва онҳо наздик
наоянд; ва қавм бо ӯ боло набароянд».
3 Ва Мусо омада, ҳамаи суханони Худованд ва тамоми фароизро ба
қавм ҳикоят кард; ва тамоми қавм бо як овоз ҷавоб гардонида,
гуфтанд: «Ҳамаи суханонеро, ки Худованд гуфтааст, ба ҷо хоҳем
овард»+.
4 Ва Мусо ҳамаи суханони Худовандро навишт, ва бомдодон
бармаҳал бархоста, қурбонгоҳе дар домани кӯҳ, ва дувоздаҳ сутун,
мувофиқи дувоздаҳ сибти Исроил, бино кард.
5 Ва ҷавононро аз миёни банӣ-Исроил фиристод, ва онҳо
қурбониҳои сӯхтанӣ тақдим намуданд, ва қурбониҳои саломатӣ аз
говон барои Худованд забҳ карданд.
6 Ва Мусо нисфи хунро гирифта, дар тосҳо рехт, ва нисфи хунро
бар қурбонгоҳ пошид;
7 Ва китоби аҳдро гирифта, ба самъи қавм хонд, ва онҳо гуфтанд:
«Ҳар он чи Худованд гуфтааст, ба амал хоҳем овард ва гӯш хоҳем
дод».
8 Ва Мусо хунро гирифта, бар қавм пошид, ва гуфт: «Ин аст хуни
аҳде ки Худованд бар ҳамаи ин суханон бо шумо бастааст»+.
9 Ва Мусо бо Ҳорун, Нодоб ва Абиҳу ва ҳафтод нафар аз пирони
Исроил боло баромад.
10 Ва онҳо Худои Исроилро диданд, ва зери поҳои Ӯ чизе монанди
хиштҳои ёқути кабуд, ва мисли асли осмон зулол буд+.
11 Ва Ӯ бар гузинони банӣ-Исроил дасти Худро дароз накард, ва
онҳо Худоро диданд, ва хӯрданд ва нӯшиданд.
12 Ва Худованд ба Мусо гуфт: «Назди Ман ба кӯҳ баро ва дар он ҷо
бош, ва Ман алвоҳи санг ва Таврот ва аҳкомеро, ки барои таълим
додан навиштаам, ба ту хоҳам дод»+.
13 Ва Мусо бо Еҳушаъ бархост, ва Мусо ба кӯҳи Худо баромад+.
14 Ва ба пирон гуфт: «Дар ин ҷо ба мо мунтазир истед, то вақте ки
назди шумо баргардем, ва инак, Ҳорун ва Ҳур бо шумо хоҳанд буд;

бигзор ҳар кӣ даъво дошта бошад, назди онҳо ояд».
15 Ва Мусо ба кӯҳ баромад, ва абр кӯҳро пӯшонид.
16 Ва ҷалоли Худованд бар кӯҳи Сино маскан гирифт, ва шаш рӯз
абр онро пӯшонид, ва дар рӯзи ҳафтум Ӯ Мусоро аз миёни абр хонд.
17 Ва намуди ҷалоли Худованд мисли оташи сӯзанда дар назари
банӣ-Исроил бар қуллаи кӯҳ буд+.
18 Ва Мусо андаруни абр дохил шуда, ба кӯҳ баромад; ва Мусо чил
рӯз ва чил шаб бар кӯҳ буд+.

## Мусо бар кӯҳи Сино.

# 25

1 •Ва Худо ба Мусо сухан ронда, гуфт:
2 «Ба банӣ-Исроил бигӯ, ки барои Ман ҳадия бигиранд; аз ҳар
касе ки дилаш ба додани бахшиш моил бошад, ҳадияи Маро бигиред.
3 Ва ин аст ҳадияе ки аз онҳо бояд бигиред: тилло, ва нуқра, ва
мис;
4 Ва лоҷвард, ва арғувон, ва қирмиз, ва катони нозук, ва пашми
буз;
5 Ва пӯсти қӯчқор, ки сурх бошад, ва пӯсти тӯхс, ва чӯби акоқиё;
6 Равған барои чароғҳо; атриёт барои равғани тадҳин ва барои
бухури муаттар;
7 Сангҳои ҷазъ ва сангҳои тарсеъ барои эфӯд ва барои синабанд*.
8 Ва бигзор онҳо барои Ман қудсе бисозанд, ва Ман дар миёни
онҳо сокин хоҳам шуд+.
9 Мувофиқи ҳар он чи Ман ба ту нишон медиҳам, — ҳам тарҳи
маскан ва ҳам тарҳи тамоми колои онро, — ончунон бисозед.

## Дар бораи маскан ва сандуқи аҳд.

10 •Ва бигзор сандуқе аз чӯби акоқиё бисозанд, ки дарозияш дую
ним зироъ, ва фарохияш якуним зироъ, ва қадаш якуним зироъ
бошад+.
11 Ва онро бо тиллои холис бипӯшон, — аз дарун ва аз берун онро
бипӯшон, — ва бар он гирдогирд афсари тилло бисоз.
12 Ва барои он чор ҳалқаи тилло бисоз, ва бар чор гӯшаи он васл
намо: ду ҳалқаро бар як паҳлуяш, ва ду ҳалқаро бар паҳлуи дигараш.
13 Ва дастакҳо аз чӯби акоқиё сохта, онҳоро бо тилло бипӯшон.
14 Ва он дастакҳоро ба ҳалқаҳое ки бар паҳлуҳои сандуқ ҳаст,
дохил намо, то ки сандуқ ба воситаи онҳо бардошта шавад.
15 Он дастакҳо бояд дар ҳалқаҳои сандуқ бимонад, ва набояд аз он
дур карда шавад.
16 Ва шаҳодатеро, ки Ман ба ту медиҳам, дар сандуқ бимон.
17 Ва сарпӯше аз тиллои холис бисоз, ки дарозияш дую ним зироъ,
ва фарохияш якуним зироъ бошад.

18 Ва ду карруби̅ аз тилло бисоз, — онҳоро яклухт, аз ду канори
сарпӯш бисоз.
19 Ва як каррубиро аз ин канор, ва каррубии дигарро аз он канор
бисоз; каррубиёнро аз худи сарпӯш бар ду канори он бисозед.
20 Ва каррубиён болҳоро дар боло паҳн карда, сарпӯшро бо болҳои
худ хоҳанд пӯшонид, ва рӯйҳошон сӯи якдигар хоҳад буд; рӯйҳои
каррубиён сӯи сарпӯш нигарон хоҳад буд.
21 Ва сарпӯшро бар сандуқ аз боло бимон; ва шаҳодатеро, ки ба ту
медиҳам, андаруни сандуқ бимон+.
22 Ва дар он ҷо Ман ба ту зоҳир гардида, аз болои сарпӯш, аз миёни
ду каррубие ки бар сандуқи шаҳодат мебошанд, бо ту сухан хоҳам
ронд дар бораи ҳар он чи ба воситаи ту ба бани̅-Исроил амр хоҳам
фармуд+.

## Дар бораи нонҳои тақдим.

23 •Ва мизе аз чӯби ақоқиё бисоз, ки дарозияш ду зироъ, ва
фарохияш як зироъ, ва қадаш якуним зироъ бошад.
24 Ва онро бо тиллои холис бипӯшон; ва гирдогирдаш афсари
тилло бисоз.
25 Ва чорчӯбае гирдогирди он ба андозаи як қабза бисоз; ва афсари
тилло гирдогирди чорчӯбаи он бисоз.
26 Ва чор ҳалқаи тилло барои он бисоз; ва ҳалқаҳоро бар чор гӯшаи
чор почаи он барқарор намо.
27 Ҳалқаҳо бояд ба баландии чорчӯба мувофиқ буда, ҳамчун
хонаҳои дастакҳо барои бардоштани миз хизмат кунад.
28 Ва дастакҳоро аз чӯби ақоқиё бисоз, ва онҳоро бо тилло
бипӯшон, ва мизро ба воситаи онҳо хоҳанд бардошт.
29 Ва табақҳои он, ва қошуқҳои он, ва тосҳои он, ва пиёлаҳои онро,
ки ҳадияи рехтаниро ба воситаи онҳо мерезанд, бисоз; онҳоро аз
тиллои холис бисоз.
30 Ва нони тақдимро бар миз ҳамеша ба ҳузури Ман бимон+.

## Дар бораи чароғдони тилло

31 •Ва чароғдоне аз тиллои холис бисоз; бигзор чароғдон яклухт
сохта шавад; поя ва шохаҳои он, қуббаҳо, ғунчаҳо ва гулҳои он бояд

аз худи он бошад.
[32] Ва шаш шоха бояд аз паҳлуҳои он берун ояд: се шохаи чароғдон
аз як паҳлуяш, ва се шохаи чароғдон аз паҳлуи дигараш.
[33] Се қуббаи монанди гули бодом дар як шоха, бо ғунча ва гул, ва
се қуббаи монанди гули бодом дар шохаи дигар, бо ғунча ва гул;
ҳамчунин дар шаш шохае ки аз чароғдон берун меояд.
[34] Ва дар пояи чароғдон чор қуббаи монанди гули бодом бо
ғунчаҳо ва гулҳои он.
[35] Ва ғунчае зери ду шохаи он, ва ғунчае зери ду шохаи он, ва
ғунчае зери ду шохаи он, — барои шаш шохае ки аз чароғдон берун
меояд.
[36] Ғунчаҳояш ва шохаҳояш бояд аз худи он бошад, — он куллиятан
яклухт аз тиллои холис бошад.
[37] Ва ҳафт адад барояш чароғ бисоз; ва чароғҳояш бояд тавре
даргиронида шавад, ки ба тарафи чароғи миёна рӯшноӣ диҳад.
[38] Ва анбӯрҳо ва маҷмарҳои он аз тиллои холис бошад.
[39] Бигзор онро бо тамоми ин коло аз як киккар тиллои холис
бисозанд.
[40] Ва эҳтиёт намо, ки онҳоро мувофиқи намунае ки дар кӯҳ ба ту
нишон дода шуд, бисозӣ+.

## Дар бораи чодирҳо ва болопӯш аз пӯсти қӯчқор.

**26**

1 •Ва масканро аз даҳ чодири катони нозуки дутоба, ва лоҷвард, ва арғувон, ва қирмиз бисоз, ва каррубиёнро бо бофти санъаткорона бар онҳо нақш намо.

2 Дарозии ҳар як чодир бисту ҳашт зироъ, ва фарохии ҳар як чодир чор зироъ бошад; ҳамаи чодирҳо ба як андоза бошад.

3 Панҷ чодир бояд бо ҳамдигар пайванд карда шавад, ва панҷ чодири дигар бо ҳамдигар пайванд карда шавад.

4 Ва тугмахонаҳо аз лоҷвард бар лаби як чодире ки дар канори пайвандкунӣ мебошад, бисоз; ва бар лаби чодири канори пайвандкунии дуюм низ чунин бисоз.

5 Панҷоҳ тугмахона дар як чодир бисоз, ва панҷоҳ тугмахона дар канори чодире ки дар пайвандкунии дуюм мебошад, бисоз, — тугмахонаҳо бояд дар рӯ ба рӯи ҳамдигар бошад.

6 Ва панҷоҳ чангаки тилло бисоз; ва чодирҳоро бо чангакҳо ба якдигар пайванд намо, — ва маскан яклухт хоҳад шуд.

7 Сипас чодирҳо аз пашми буз бисоз, то ки хаймае бар маскан бошад; ёздаҳ адад чунин чодирҳо бисоз.

8 Дарозии ҳар як чодир сӣ зироъ, ва фарохии ҳар як чодир чор зироъ бошад; ёздаҳ чодир ба як андоза бошад.

9 Ва панҷ чодирро алоҳида, ва шаш чодирро алоҳида пайванд намо; ва чодири шашумро аз тарафи пеши хайма дуқат бикун.

10 Ва панҷоҳ тугмахона бар лаби як чодире ки дар канори пайвандкунӣ мебошад, бисоз, ва панҷоҳ тугмахона бар лаби чодири пайвандкунии дуюм.

11 Ва панҷоҳ чангаки мисин бисоз, ва чангакҳоро ба тугмахонаҳо дохил бикун, ва хаймаро пайванд намо, — ва он яклухт хоҳад шуд.

12 Ва канори зиёдатии чодирҳои хайма, яъне нисфи чодире ки зиёдатӣ кардааст, бигзор дар қафои маскан овезон бошад.

13 Ва зирое аз як тараф ва зирое аз тарафи дигар, ки аз дарозии чодирҳои хайма зиёдатӣ мекунад, бигзор дар паҳлуҳои маскан аз як тараф ва аз тарафи дигар овезон бошад, то ки онро бипӯшонад.

14 Ва болопӯше барои хайма аз пӯстҳои қӯчқор, ки сурх бошад, бисоз, ва болопӯше аз пӯстҳои тӯхс аз болои он+.

## Дар бораи тахтаҳо.

15 Ва тахтаҳо, ки меистода бошад, барои маскан аз чӯби ақоқиё
бисоз.
16 Дарозии ҳар як тахта даҳ зироъ бошад, ва фарохии ҳар як тахта
— якуним зироъ.
17 Ва дар ҳар тахта ду дандонаи мутавозии якдигар бошад; дар
ҳамаи тахтаҳои маскан чунин бисоз.
18 Ва тахтаҳо барои маскан бисоз: бист тахта барои тарафи ҷанубӣ.
19 Ва чил пояи нуқра зери бист тахта бисоз: ду поя зери як тахта
барои ду дандонаи он, ва ду поя зери тахтаи дигар барои ду дандонаи
он.
20 Ва барои тарафи дигари маскан, барои тарафи шимолӣ — бист
тахта.
21 Ва чил пояи нуқра барои онҳо: ду поя зери як тахта, ва ду поя
зери тахтаи дигар.
22 Ва барои қафои маскан, ки тарафи ғарбист, шаш тахта бисоз.
23 Ва барои гӯшаҳои маскан, дар қафо, ду тахта бисоз.
24 Ва бигзор онҳо аз поён пайваст карда шавад, ва аз боло низ
якҷоя дар як ҳалқа пайванд гардад; барои ҳар ду чунин бишавад,
яъне онҳо барои ҳар ду гӯша бошад.
25 Ва ба ҳамин тариқ ҳашт тахта хоҳад буд, ва пояҳои нуқра барои
онҳо, ҷамъ шонздаҳ поя: ду поя зери як тахта, ва ду поя зери тахтаи
дигар.
26 Ва ғалақаҳо аз чӯби ақоқиё бисоз: панҷ адад барои тахтаҳои як
тарафи маскан,
27 Ва панҷ ғалақа барои тахтаҳои тарафи дигари маскан, ва панҷ
ғалақа барои тахтаҳои тарафи қафои маскан, ба самти ғарб.
28 Ва ғалақаи миёна аз даруни тахтаҳо аз ин сар то он сар
мегузарад.
29 Ва тахтаҳоро бо тилло бипӯшон, ва ҳалқаҳои онҳоро, ки хонаҳои
ғалақаҳо бошад, аз тилло бисоз; ва ғалақаҳоро бо тилло бипӯшон.
30 Ва масканро барпо намо, мувофиқи дастуре ки дар кӯҳ ба ту
нишон дода шуд.

## Дар бораи пардаҳои маскан.

31 •Ва пардае аз лоҷвард ва арғувон ва қирмиз ва катони нозуки
дутоба бисоз; бо бофти санъаткорона онро бо каррубиён бисоз+.
32 Ва онро бар чор сутуни ақоқиё биовез, ки онҳо бо тилло
пӯшонида шуда бошанд, илмакҳошон аз тилло бошад, бар чор пояи
нуқра истода бошанд.
33 Ва пардаро зери чангакҳо биовез; ва сандуқи шаҳодатро ба он
ҷо, дар қафои парда биёр, ва парда қудсро барои шумо аз қудси
қудсҳо ҷудо хоҳад кард+.
34 Ва сарпӯшро бар сандуқи шаҳодат дар қудси қудсҳо бимон.
35 Ва мизро аз беруни парда, ва чароғдонро дар рӯ ба рӯи миз, ба
тарафи ҷанубии маскан бимон; ва мизро ба татафи шимолии он
ҷойгир кун.
36 Ва пардае барои даромадгоҳи хайма аз лоҷвард ва арғувон ва
қирмиз ва катони нозуки дутоба бо санъати гулдӯзӣ бисоз.
37 Ва барои парда панҷ сутун аз чӯби ақоқиё бисоз, ва онҳоро бо
тилло бипӯшон, ва илмакҳошон аз тилло бошад; ва барои онҳо панҷ
пояи мисин бирез.

## Дар бораи қурбонгоҳи мисин.

# 27

1 •Ва қурбонгоҳе аз чӯби ақоқиё бисоз, ки дарозияш панҷ
зироъ, ва фарохияш панҷ зироъ, яъне қурбонгоҳи мураббаъ
бошад; ва қадаш се зироъ.
2 Ва шохҳои онро бар чор гӯшаи он бисоз, ба тавре ки шохҳояш аз
худи он бошад; ва онро бо мис бипӯшон+.
3 Ва тосҳояшро барои баровардани хокистараш, ва хокандозҳояш
ва косаҳояш ва чанголҳояш ва маҷмарҳояшро бисоз; тамоми
колояшро аз мис бисоз+.
4 Ва барояш панҷарае аз мис ба сурати шабака бисоз, ва бар он
шабака чор ҳалқаи мисин, бар чор гӯшааш, бисоз.
5 Ва онро зери канораи қурбонгоҳ аз поён бимон, ба тавре ки
шабака то нисфи қурбонгоҳ бошад.
6 Ва дастакҳо барои қурбонгоҳ бисоз, дастакҳо аз чӯби ақоқиё
бошад, ва онҳоро бо мис бипӯшон.
7 Ва дастакҳояшро ба ҳалқаҳо бигзаронанд; ва дастакҳо дар ҳар ду
паҳлуи қурбонгоҳ бошад, вақте ки онро бардоранд.
8 Онро аз тахтаҳо дарунхолӣ бисоз; бигзор ончунон, ки дар кӯҳ ба
ту нишон дода шуд, бисозанд.

## Дар бораи саҳни маскан.

9 •Ва саҳни масканро бисоз; ба тарафи ҷанубӣ пардаҳо барои саҳн
аз катони нозуки дутоба бошад, дарозии онҳо ба як тараф сад зироъ
бошад.
10 Ва сутунҳояш бист адад, ва пояҳои онҳо бист адад аз мис бошад;
илмакҳои сутунҳо ва бандҳои онҳо аз нуқра бошад.
11 Ва ҳамчунин ба дарозии тарафи шимолӣ пардаҳо сад зироъ
дарозӣ дошта бошад, ва сутунҳои он бист адад, ва пояҳои онҳо бист
адад аз мис бошад; илмакҳои сутунҳо ва бандҳошон аз нуқра бошад.
12 Ва ба фарохии саҳн ба тарафи ғарбӣ пардаҳо панҷоҳ зироъ
бошад; сутунҳошон даҳ адад, ва пояҳошон даҳ адад.
13 Ва фарохии саҳн ба тарафи офтоббарои шарқӣ панҷоҳ зироъ
бошад.

[14] Ва пардаҳои як паҳлуи дарвоза понздаҳ зироъ; сутунҳошон се
адад, ва пояҳошон се адад.
[15] Ва пардаҳои паҳлуи дигари он понздаҳ зироъ; сутунҳошон се
адад, ва пояҳошон се адад.

## Дар бораи пардаи дарвозаи саҳн.

[16] Ва барои дарвозаи саҳн бист зироъ парда аз лоҷвард ва арғувон
ва қирмиз ва катони нозуки дутоба бо санъати гулдӯзӣ бошад;
сутунҳошон чор адад, ва пояҳошон чор адад.
[17] Ҳамаи сутунҳои саҳн гирдогирд бо бандҳои нуқрагин пайваст
буда, илмакҳошон аз нуқра, ва пояҳошон аз мис бошад.
[18] Дарозии саҳн сад зироъ, ва фарохияш панҷоҳ зироъ дар
муқобили панҷоҳ зироъ, ва қадаш панҷ зироъ, ва пардаҳояш аз
катони нозуки дутоба, ва пояҳои сутунҳояш аз мис бошад.
[19] Тамоми колои маскан барои ҳар хизматаш, ва ҳамаи меххояш
ва ҳамаи меххои саҳн аз мис бошад.

## Дар бораи равғани зайтуни зулол барои рӯшноӣ.

[20] •Ва ту ба банӣ-Исроил амр фармо, ки равғани зайтуни зулоли
кӯфташуда барои рӯшноӣ назди ту биёранд, то ки чароғҳо доимо
афрӯхта шавад.
[21] Дар хаймаи ҷомеъ, берун аз пардае ки бар сандуқи шаҳодат аст,
бигзор онро Ҳорун ва писаронаш аз шом то субҳ ба ҳузури Худованд
барафрӯзанд; ин фароизи абадӣ насл ба насли онҳо аз банӣ-Исроил
хоҳад буд+.

## Дар бораи каҳонат умуман.

**28** [1] Ва ту бародарат Ҳорун ва писаронашро бо вай, аз миёни
банӣ-Исроил, ба худ муқарраб бикун, то ки вай ба Ман каҳонат
намояд: Ҳорун, Нодоб ва Абиҳу, Элъозор ва Итомор, писарони Ҳорун.
[2] Ва либосҳои муқаддас барои бародарат Ҳорун, аз баҳри иззат ва
шукӯҳ бисоз.
[3] Ва ту ба ҳамаи донодилон, ки Ман дили онҳоро аз рӯҳи ҳикмат
пур сохтаам, сухан бирон, ки либосҳои Ҳорунро барои тақдис
кардани вай бисозанд, то ки вай ба Ман каҳонат намояд.

## Дар бораи либосҳои коҳинон.

[4] Ва ин аст либосҳое ки бояд бисозанд: синабанд ва эфӯд ва ридо
ва пероҳани катакчадор ва аммома ва камарбанд; ва бигзор либосҳои
муқаддасро барои бародарат Ҳорун ва барои писаронаш бисозанд, то
ки вай ба Ман каҳонат намояд;
[5] Ва онҳо тилло ва лоҷвард, арғувон ва қирмиз ва катони нозукро
бигиранд,
[6] •Ва эфӯдро аз тилло ва лоҷвард, арғувон ва қирмиз ва катони
нозуки дутоба бо бофти санъаткорона бисозанд.
[7] Ду китфпӯшаки пайвандшавандае бар ду канори он бояд бошад,
то ки он пайваст шавад.
[8] Ва тасмаи бандубасти он, ки бар он аст, бояд бо ҳамон санъат, аз
худи он, яъне аз лоҷвард, арғувон ва қирмиз ва катони нозуки дутоба
бошад.
[9] Ва ду санги ҷазъ бигир, ва номҳои банӣ-Исроилро бар онҳо ҳак
намо.
[10] Шаш номи онҳоро бар як санг, ва шаш номи боқии онҳоро бар
санги дигар, мувофиқи таваллудашон.
[11] Бо санъати ҳаккоки санг, мисли ҳакки мӯҳр, номҳои банӣ-
Исроилро бар ду санг ҳак намо; онҳоро дар нигинхонаҳои тилло
бинишон.
[12] Ва ин ду сангро бар китфпӯшакҳои эфӯд ҷойгир намо, ки
сангҳои ёдгорӣ барои банӣ-Исроил бошад; ва бигзор Ҳорун номҳои
онҳоро ба ҳузури Худованд бар ду китфи худ барои ёдгорӣ бардорад.
[13] Ва нигинхонаҳо аз тилло бисоз,

[14] Ва ду занҷир аз тиллои холис; онҳоро ба шакли танобе, бо
санъати бофти морпеч бисоз; ва занҷирҳои морпечро ба
нигинхонаҳо андармон бикун.

[15] •Ва синабанди довариро бо бофти санъаткорона бисоз, бо ҳамон
санъате ки эфӯдро бофтаӣ, яъне онро аз тилло, лоҷвард, арғувон ва
қирмиз ва катони нозуки дутоба бисоз.
[16] Он бояд мураббаъ, дуқабата, дарозияш як ваҷаб ва фарохияш як
ваҷаб бошад.
[17] Ва андарунаш сангҳои нигинхонадор, чор қатор санг бинишон:
қатори иборат аз лаъл, ёқути зард ва зумуррад, ки ин қатори якум
аст;+
[18] Ва қатори дуюм — баҳрамон, ёқути кабуд ва алмос;
[19] Ва қатори сеюм — ёқути тар, ақиқи сӯхта ва ҷамаст;
[20] Ва қатори чорум — забарҷад, ҷазъ ва яшм; онҳо бояд бо
нигинхонаҳои тилло нишонида шавад.
[21] Ва ин сангҳо бояд бо номҳои банӣ-Исроил, яъне дувоздаҳ адад
бо номҳои онҳо бошад; мисли ҳакки мӯҳр, барои дувоздаҳ сибт, ки
ҳар яке ба номи худаш бояд бошад.
[22] Ва барои синабанд занҷирҳо ба шакли танобе бо санъати бофти
морпеч аз тиллои холис бисоз.
[23] Ва барои синабанд ду ҳалқаи тилло бисоз, ва ин ду ҳалқаро ба
ду канори синабанд андармон бикун.
[24] Ва он ду занҷири морпечро ба ин ду ҳалқа бар канорҳои
синабанд андармон бикун.
[25] Ва ду сари дигари ду занҷири морпечро ба ду нигинхона
пайванд намуда, бар китфпӯшакҳои эфӯд ба тарафи абраи он
андармон бикун.
[26] Ва боз ду ҳалқаи тилло бисоз, ва онҳоро бар ду канори синабанд,
ба он лабаш, ки ба тарафи астари эфӯд аст, андармон бикун.
[27] Ва боз ду ҳалқаи тилло бисоз, ва онҳоро бар ду китфпӯшаки
эфӯд аз поён, аз тарафи абраи он, назди пайвандшавии он, аз болои
тасмаи эфӯд андармон бикун.
[28] Ва бигзор синабандро аз ҳалқаҳояш ба ҳалқаҳои эфӯд бо риштаи
лоҷвард банд кунанд, то ки он бар тасмаи эфӯд бошад, ва синабанд аз
эфӯд ҷудо нашавад.

29 Ва Ҳорун номҳои банӣ-Исроилро дар синабанди доварӣ бар дили худ, ҳангоме ки ба қудс медарояд, барои ёдгорӣ ба ҳузури Худованд доимо хоҳад бардошт.

30 Ва урим ва туммимро* дар синабанди доварӣ бимон, то ки бар дили Ҳорун, ҳангоме ки ба ҳузури Худованд медарояд, бошад; ва бигзор Ҳорун мубашшири доварии банӣ-Исроилро бар дили худ ба ҳузури Худованд доимо бардорад+.

## Дар бораи ридои эфӯд ва лавҳа.

31 •Ва ридои эфӯдро комилан аз лоҷвард бисоз.

32 Ва бигзор чоке барои даровардани сар дар миёнаи он бошад; лаблӯлае гирдогирди чокаш бо санъати бофтагарӣ бошад, яъне мисли гиребони ҷавшан бошад, то ки надаррад.

33 Ва дар лаби доманаш анорҳо аз лоҷвард ва арғувон ва қирмиз бисоз, ки гирдогирди домани он бошад; ва зангӯлачаҳои тилло дар миёни онҳо гирдогирд бошад.

34 Зангӯлачаи тилло ва аноре, зангӯлачаи тилло ва аноре дар лаби домани ридо гирдогирд бошад.

35 Ва он бар тани Ҳорун ҳангоми хизматгузорияш хоҳад буд, ва садои он, ҳангоме ки ӯ ба қудс ба ҳузури Худованд медарояд, ва ҳангоме ки мебарояд, шунида хоҳад шуд, то ки ӯ намирад.

36 Ва лавҳае аз тиллои холис бисоз, ва бар он, мисли ҳакки мӯҳр, чунин ҳак намо: „Муқаддас аст барои Худованд“+.

37 Ва онро бо риштаи лоҷвард ба аммома бибанд, то ки ба тарафи пеши аммома бошад.

38 Ва он бар пешонии Ҳорун хоҳад буд; ва Ҳорун нуқси қурбониҳои муқаддасеро, ки банӣ-Исроил бо ҳамаи ҳадияҳои муқаддаси худ тақдис менамоянд, хоҳад бардошт, ва он бар пешонии ӯ доимо хоҳад буд, то ки онҳо ба ҳузури Худованд таваҷҷӯҳ ёбанд+.

39 Ва пероҳани катакчадоре аз катони нозук бибоф, ва аммомае аз катони нозук бисоз; ва камарбанде бо санъати гулдӯзӣ бисоз+.

40 Ва барои писарони Ҳорун пероҳанҳо бисоз, ва барои онҳо камарбандҳо биссз; ва кулоҳҳо барояшон аз баҳри иззат ва шукӯҳ бисоз.

[41] Ва бо онҳо бародарат Ҳорун ва писаронашро ҳамроҳи ӯ ороста
намо, ва онҳоро тадҳин бикун, ва онҳоро баргумор ва тақдис намо, то
ки ба Ман каҳонат кунанд.
[42] Ва ба онҳо эзорҳои катон барои пӯшонидани авраташон бисоз,
ки аз камар то зону бирасад;
[43] Ва бигзор бар Ҳорун ва писаронаш бошад, вақте ки ба хаймаи
ҷомеъ дохил мешаванд, ё ки барои хизмати қудс ба қурбонгоҳ
наздик меоянд, мабодо гирифтори гуноҳ гардида, бимиранд; ин
фаризаи абадист барои ӯ ва барои насли ӯ баъд аз ӯ.

## Дар бораи тақдис кардани коҳинон ва курбониҳои ҳаррӯза.

29 [1] •Ва ин аст он чи ту бояд барои тақдис кардани онҳо ба амал
оварӣ, то ки ба Ман каҳонат намоянд: як гӯсолаи нар ва ду
қӯчқори беайб бигир,
[2] Ва нони фатир, ва қурсҳои фатири бо равған омехташуда, ва
нончаҳои тунуки ба равған молидашуда; онҳоро аз орди нарми
гандум бипаз+.
[3] Ва онҳоро дар як сабад бимон, ва онҳоро дар сабад тақдис намо,
ва гӯсола ва ду қӯчқорро низ.
[4] Ва Ҳорун ва писаронашро назди даромадгоҳи хаймаи ҷомеъ
биёр, ва онҳоро дар об ғусл деҳ.
[5] Ва либосҳоро бигир, ва Ҳорунро бо пероҳан, ва ридои эфӯд, ва
эфӯд ва синабанд ороста намо, ва бо тасман эфӯд камарашро бибанд.
[6] Ва аммомаро бар сараш бипӯшон, ва афсари муқаддасро бар
аммома бимон.
[7] Ва равғани тадҳинро гирифта, бар сараш бирез, ва ӯро тадҳин
намо+.
[8] Ва писаронашро наздик оварда, пероҳанҳоро ба онҳо бипӯшон.
[9] Ва онҳоро, яъне Ҳорун ва писаронашро, бо камарбандҳо бибанд,
ва кулоҳҳоро бар сарашон бимон, ва каҳонат барояшон фаризаи
абадӣ хоҳад буд; ва Ҳорун ва писаронашро баргумор.
[10] Ва гӯсоларо назди хаймаи ҷомеъ тақдим намо, ва Ҳорун ва
писаронаш дастҳошонро бар сари гӯсола хоҳанд гузошт.
[11] Ва гӯсоларо ба хузури Худованд назди даромадгоҳи хаймаи
ҷомеъ забҳ намо.
[12] Ва аз хуни гӯсола гирифта, бар шохҳои қурбонгоҳ бо ангуштонат
бипош; ва тамоми хунро бар бунёди қурбонгоҳ бирез+.
[13] Ва тамоми чарбуеро, ки амъоро мепӯшонад, ва пардаеро, ки бар
ҷигар аст, ва ду гурдаро бо чарбуе ки бар онҳост, гирифта, бар
қурбонгоҳ бисӯзон+.
[14] Вале гӯшти гӯсола ва пӯсташ ва саргинашро берун аз ӯрдугоҳ
дар оташ бисӯзон; ин қурбонии гуноҳ аст+.
[15] Ва як қӯчқорро бигир, ва Ҳорун ва писаронаш дастҳои худро бар
сари қӯчқор бимонанд.

16 Ва қӯчқорро забҳ намо, ва хунашро гирифта, бар қурбонгоҳ
гирдогирд бипош.
17 Ва қӯчқорро ба андомҳояш пора кун, ва амъояш ва почаҳояшро
шустушӯ намо, ва онҳоро бар андомҳояш ва бар сараш бимон.
18 Ва тамоми қӯчқорро бар қурбонгоҳ бисӯзон, — ин қурбонии
сӯхтанӣ барои Худованд аст, ин атри гуворо, қурбонии оташин барои
Худованд аст+.
19 Ва қӯчқори дуюмро бигир, ва Ҳорун ва писаронаш дастҳои
худро бар сари қӯчқор бимонанд.
20 Ва қӯчқорро забҳ намо, ва аз хуни он гирифта, бар нармаи гӯши
рости Ҳорун ва бар нармаи гӯши рости писаронаш, ва бар
нарангушти дасти росташон, ва бар нарангушти пои росташон
бимол; ва хунро бар қурбонгоҳ гирдогирд бипош.
21 Ва аз хуне ки бар қурбонгоҳ аст, ва аз равғани тадҳин гирифта,
бар Ҳорун ва либосаш, ва бар писарони ӯ ва либосашон бо ӯ бипош; ва
ӯ ва либосаш, ва писарони ӯ ва либосашон бо ӯ тақдис хоҳанд шуд.
22 Ва аз қӯчқор чарбу ва дунбаро, ва чарбуеро, ки амъоро
мепӯшонад, ва пардаи ҷигар, ва ду гурда, ва чарбуеро, ки бар онҳост,
ва соқи ростро бигир, зеро ки ин қӯчқори гумоштанӣ мебошад,
23 Ва низ як гирда нон, ва як қурс нони равғанин, ва як нончаи
тунук аз сабади нони фатир, ки ба ҳузури Худованд аст, бигир,
24 Ва ҳамаашро бар дастҳои Ҳорун ва бар дастҳои писарони ӯ
бимон, ва инро баланд бардошта, ба ҳузури Худованд ҷунбонида-
ҷунбонида биёр.
25 Ва инро аз дасти онҳо гирифта, бар қурбонгоҳ бо қурбонии
сӯхтанӣ бисӯзон, то ки атри гуворо ба ҳузури Худованд бошад, чунки
ин қурбонии оташин барои Худованд аст+.
26 Ва синаи қӯчқори гумоштаниро, ки барои Ҳорун аст, бигир, ва
онро баланд бардошта, ба ҳузури Худованд ҷунбонида-ҷунбонида
биёр; ва ин ҳиссаи ту хоҳад буд.
27 Ва синаи ҷунбонидашуда ва соқи баланд бардошташударо, ки аз
қӯчқори гумоштании Ҳорун ва писаронаш ҷунбонида ва баланд
бардошта шуд, тақдис намо.
28 Ва ин барои Ҳорун ва писаронаш фаризаи абадӣ аз ҷониби банӣ-
Исроил хоҳад буд, зеро ки ин ҳадия аст, ва ҳадия аз ҷониби банӣ-

Исроил аз қурбониҳои саломатии онҳо, яъне ҳадияи онҳо барои
Худованд хоҳад буд.
29 Ва либосҳои муқаддаси Ҳорун баъд аз ӯ аз они писаронаш хоҳад
буд, то ки дар онҳо тадҳин намуда ва баргумошта шаванд+.
30 Ҳафт рӯз он коҳине ки ба ҷои ӯ, аз писаронаш, ба хаймаи ҷомеъ
даромада, хизмати қудсро ба ҷо меоварад, бояд онҳоро бипӯшад.
31 Ва қӯчқори гумоштаниро гирифта, гӯшташро дар макони
муқаддас бипаз.
32 Ва бигзор Ҳорун ва писаронаш гӯшти қӯчқорро бо ноне ки дар
сабад аст, назди даромадгоҳи хаймаи ҷомеъ бихӯранд.
33 Ва онро бояд онҳое бихӯранд, ки ба воситаи он кафорат ёфтаанд,
то ки баргумошта ва тақдис карда шаванд; вале бегонае набояд
бихӯрад, зеро ки ин муқаддас аст+.
34 Ва агар аз гӯшти гумоштанӣ ва аз нон то субҳ боқӣ монад, он
бақияро дар оташ бисӯзон: онро набояд касе бихӯрад, зеро ки
муқаддас аст.
35 Ва ба Ҳорун ва писаронаш ончунон амал намо, чунон ки Ман ба
ту аз ҳар ҷиҳат амр фармудаам: ҳафт рӯз онҳоро баргумор.
36 Ва гӯсолаи қурбонии гуноҳро ҳар рӯз барои кафорат забҳ намо,
ва қурбонгоҳро бо кафорате ки бар он мекунӣ, аз гуноҳҳо пок намо,
ва онро тадҳин бикун, то ки тақдис ёбад+.
37 Ҳафт рӯз бар қурбонгоҳ кафорат бикун, ва онро тақдис намо, ва
қурбонгоҳ қудси қудсҳо хоҳад буд; ҳар чизе ки ба қурбонгоҳ бирасад,
муқаддас хоҳад гардид+.

38 •Ва ин аст он чи ту бояд бар қурбонгоҳ тақдим намоӣ: барраҳои
яксола, ду адад дар як рӯз, ба таври доимӣ.
39 Як барраро дар субҳ тақдим намо, ва барраи дигарро дар
шомгоҳ тақдим намо.
40 Ва даҳьяк* аз орди маҳин, ки бо чорьяк ҳин* равғани кӯфта
омехта шуда бошад, ва ҳадияи рехтанӣ ба қадри чорьяк ҳин шароб —
барои як барра хоҳад буд.
41 Ва барраи дигарро дар шомгоҳ тақдим намо; барои он монанди
ҳадияи ордии субҳ ва монанди ҳадияи рехтании он тақдим намо, то
ки атри гуворо ва қурбонии оташин барои Худованд бошад+.

42 Ин — қурбонии сӯхтании доимӣ дар наслҳои шумо назди
даромадгоҳи хаймаи ҷомеъ ба хузури Худованд хоҳад буд, ки дар он
ҷо ба шумо зоҳир хоҳам шуд, то ки дар он ҷо ба ту сухан гӯям.
43 Ва дар он ҷо ба банӣ-Исроил зоҳир хоҳам шуд, ва он аз ҷалоли
Ман тақдис хоҳад ёфт.
44 Ва хаймаи ҷомеъ ва қурбонгоҳро тақдис хоҳам намуд; ва Ҳорун
ва писаронашро тақдис хоҳам намуд, то ки ба Ман каҳонат кунанд.
45 Ва дар миёни банӣ-Исроил сокин хоҳам шуд, ва барои онҳо Худо
хоҳам буд+.
46 Ва хоҳанд донист, ки Ман Худованд Худои онҳо ҳастам, ки
онҳоро аз замини Миср берун овардаам, то ки дар миёни онҳо сокин
шавам; Ман Худованд Худои онҳо ҳастам.

## Дар бораи қурбонгоҳи тилло ва тақдим кардани қурбониҳо.

30 [1] •Ва қурбонгоҳе барои сӯзонидани бухур бисоз; онро аз чӯби
ақоқиё бисоз.
[2] Дарозияш як зироъ ва фарохияш як зироъ, яъне мураббаъ бошад,
ва қадаш ду зироъ; шохҳояш аз худаш бошад+.
[3] Ва онро бо тиллои холис бипӯшон, — бомаш ва деворҳояшро
гирдогирд ва шохҳояшро; ва афсари тилло барояш гирдогирд бисоз.
[4] Ва ду ҳалқаи тилло барояш аз таги афсараш бисоз, — бар ду
паҳлуяш, яъне бар ду тарафаш бисоз; ва онҳо хонаҳои дастакҳо
бошад, то ки онро ба воситаи онҳо бардоранд.
[5] Ва дастакҳоро аз чӯби ақоқиё бисоз, ва онҳоро бо тилло
бипӯшон.
[6] Ва онро пеши пардае ки назди сандуқи шаҳодат аст, ҷойгир кун,
яъне ба рӯи сарпӯше ки бар сандуқи шаҳодат аст, ки Ман дар он ҷо ба
ту зоҳир хоҳам шуд+.
[7] Ва Ҳорун бухури муаттар бар он хоҳад сӯзонид; ҳар субҳ, вақте
ки чароғҳоро ба тартиб меоварад, онро хоҳад сӯзонид.
[8] Ва ҳангоме ки Ҳорун чароғҳоро дар шомгоҳ бармеафрӯзад, онро
хоҳад сӯзонид; ин бухури доимӣ ба ҳузури Худованд дар наслҳои
шумо хоҳад буд.
[9] Ҳеҷ бухури дигаре ва қурбонии сӯхтанӣ ва ҳадияи ордӣ бар он
тақдим накунед; ва ҳадияи рехтанӣ бар он нарезед+.
[10] Ва Ҳорун соле як маротиба бар шохҳои он кафорат хоҳад намуд,
аз хуни қурбонии гуноҳ, ки барои кафорат бошад, соле як маротиба
бар он дар наслҳои шумо кафорат хоҳад намуд; ин қудси қудсҳост
барои Худованд»+.
[11] Ва Худованд ба Мусо сухан ронда, гуфт:
[12] «Вақте ки саршумори банӣ-Исроилро бар тибқи онҳое ки дар
шумор оварда шудаанд, пайдо мекунӣ, бигзор ҳар кас фидияи ҷони
худро, ҳангоми шумурда шуданашон, ба Худованд бидиҳад, то ки ба
онҳо, ҳангоми шумурда шуданашон, вабое рӯй надиҳад+.
[13] Ҳар касе ки аз саршуморӣ мегузарад, бояд ин фидияро бидиҳад:
ним сиқл бо сиқли муқаддас*, ки як сиқл аз бист геро иборат аст;
ним сиқл ҳадияи Худованд аст+.

14 Ҳар касе ки аз саршуморӣ мегузарад, аз синни бистсола ва
болотар, бояд ҳадияи Худовандро бидиҳад.
15 Сарватдор аз ним сиқл зиёд надиҳад, ва камбағал аз он кам
надиҳад, вақте ки ҳадияи Худовандро барои кафорати ҷонҳои худ
адо мекунед.
16 Ва нуқраи кафоратро аз банӣ-Исроил бигир, ва онро барои
хизмати хаймаи ҷомеъ бидеҳ; ва ин барои банӣ-Исроил ёдгорӣ ба
ҳузури Худованд, барои кафорати ҷонҳои шумо хоҳад буд»+.

17 •Ва Худованд ба Мусо сухан ронда, гуфт:

18 «Ва лагани мисин барои шустушӯ бисоз, ки пояаш мисин бошад;
ва онро дар миёни хаймаи ҷомеъ ва қурбонгоҳ бимон, ва об дар он
бирез+.
19 Ва бигзор Ҳорун ва писаронаш дастҳо ва пойҳои худро аз он
бишӯянд:
20 Вақте ки ба хаймаи ҷомеъ меоянд, бо об шустушӯ кунанд, то ки
намиранд; ё вақте ки барои хизмат кардан ва сӯзонидани қурбонии
оташин барои Худованд ба қурбонгоҳ наздик мешаванд,
21 Бигзор дастҳо ва пойҳои худро бишӯянд, то ки намиранд. Ва ин
барои онҳо, яъне барои ӯ ва зурьёташ дар наслҳои онҳо, фаризаи
абадӣ хоҳад буд».
22 Ва Худованд ба Мусо сухан ронда, гуфт:
23 «Ва ту атриёти беҳтарине бигир: аз мурри чакида панҷсад
мисқол, ва аз дорчини хушбӯй ба қадри нисфи он, яъне дусаду
панҷоҳ мисқол, ва аз наи атрогин дусаду панҷоҳ мисқол,
24 Ва пӯсти дарахти хушбӯй панҷсад мисқол, ва равғани зайтун як
ҳин.
25 Ва аз инҳо равғани тадҳини муқаддас бисоз, атре ки бо санъати
атрсозӣ сохта шуда бошад; ин равғани тадҳини муқаддас хоҳад буд+.
26 Ва хаймаи ҷомеъ ва сандуқи шаҳодатро бо он тадҳин намо,
27 Ва мизро бо тамоми колои он, ва чароғдонро бо тамоми колои
он, ва қурбонгоҳи бухурро,
28 Ва қурбонгоҳи қурбонии сӯхтаниро бо тамоми колои он, ва
лаганро бо пояи он+.
29 Ва онҳоро тақдис намо, ва онҳо қудси қудсҳо хоҳад буд; ҳар чизе
ки ба онҳо бирасад, муқаддас хоҳад гардид+.

30 Ва Ҳорун ва писаронашро тадҳин бикун, ва онҳоро тақдис намо,
то ки ба Ман каҳонат кунанд+.
31 Ва ба банӣ-Исроил сухан ронда, бигӯ: „Ин барои Ман равғани
тадҳини муқаддас дар наслҳои шумо хоҳад буд.
32 Ва он бар бадани ҳар одам набояд рехта шавад, ва мувофиқи
таркибаш чизе мисли он насозед; он муқаддас аст, ва барои шумо
муқаддас хоҳад буд.
33 Ҳар кӣ мисли он таркиб диҳад, ва ё аз он бар шахси бегонае
бимолад, аз миёни қавми худ маҳв хоҳад шуд“».
34 Ва Худованд ба Мусо гуфт: «Барои худ атриёт, чунончи: нотоф,
шҳелет ва ҳелбано бигир, ва лебӯнои пок* низ, ки вазнаш баробари
ин атриёт бошад.
35 Ва аз онҳо бухур бисоз, атре ки бо санъати атрсозӣ сохта шуда
бошад, намакин, пок, муқаддас бошад+.
36 Ва аз он як қадар бикӯб, ва онро пеши сандуқи шаҳодат дар
хаймаи ҷомеъ, ки Ман дар он ҷо ба ту зоҳир хоҳам шуд, бимон; ин
барои шумо қудси қудсҳо хоҳад буд.
37 Ва ин бухуре ки ту месозӣ, мувофиқи таркиби он барои худ
насозед; бигзор он назди ту барои Худованд муқаддас бошад.
38 Ҳар кӣ мисли он барои бӯидан бисозад, аз миёни қавми худ
маҳв хоҳад шуд».

## Дастурот ба касоне ки дар сохтани хайма кор кардаанд.

31 1 •Ва Худованд ба Мусо сухан ронда, гуфт:
2 «Диққат намо, ки Ман Басалъил ибни Урӣ ибни Ҳурро аз
сибти Яҳудо ба ном хондаам.
3 Ва Ман ӯро аз Рӯҳи Худо, аз ҳикмат ва фаҳм ва дониш ва ҳар
ҳунар пур кардаам,+
4 То ки санъатҳоро омӯхта, бо тилло, нуқра ва мис кор кунад,
5 Ва сангҳоро барои мурассаъкорӣ ҳак намояд, ва чӯбтарош
гардида, ҳар корро ба ҷо оварад.
6 Ва инак, Ман Оҳолиоб ибни Аҳисомокро аз сибти Дон мададгори
ӯ таъин намудаам, ва ба дили ҳар каси донодил ҳикмат бахшидаам,
то ҳар он чиро, ки ба ту амр фармудаам, ба амал оваранд:
7 Хаймаи ҷомеъ, ва сандуқи шаҳодат, ва сарпӯше ки бар он аст, ва
тамоми колои хайма,
8 Ва миз ва колояш, ва чароғдони тиллои холис ва тамоми колояш,
ва қурбонгоҳи бухур,
9 Ва қурбонгоҳи қурбонии сӯхтанӣ ва тамоми колояш, ва лаган ва
пояаш,
10 Ва либоси хизматӣ, ва либоси муқаддас барои Ҳоруни коҳин, ва
либоси писаронаш барои каҳонат,
11 Ва равғани тадҳин, ва бухури муаттар барои қудс, — ҳамаашро
ончунон, ки ба ту амр фармудаам, онҳо ба амал хоҳанд овард».

## Шанбе ҳамчун аломат дар миёни Худованд ва Исроил.

12 •Ва Худованд ба Мусо сухан ронда, гуфт:
13 «Ва ту ба банӣ-Исроил сухан ронда, бигӯ: „Аммо шанбеҳои Маро
риоя намоед, зеро ки ин дар миёни Ман ва шумо дар наслҳои шумо
аломате хоҳад буд, то бидонанд, ки Ман Худованд ҳастам, ки шуморо
тақдис мекунам.
14 Ва шанберо риоя намоед, зеро ки он барои шумо муқаддас аст;
палидкунандагони он бигзор кушта шаванд, зеро ҳар кӣ дар он кор
кунад, ҷони вай аз миёни қавми худ маҳв хоҳад шуд+.
15 Шаш рӯз бигзор кор карда шавад, ва дар рӯзи ҳафтум шанбеи
оромии комил аст, ки муқаддас барои Худованд аст; ҳар кӣ дар рӯзи

шанбе кор кунад, бигзор кушта шавад.
16 Ва бигзор банӣ-Исроил шанберо риоя намоянд: шанберо дар
наслҳои худ ҳамчун аҳди абадӣ ба ҷо оваранд.
17 Он дар миёни Ман ва банӣ-Исроил аломати абадист, зеро ки
Худованд дар шаш рӯз осмон ва заминро офарид, ва дар рӯзи ҳафтум
ором гирифта, фароғат намуд“»+.
18 Ва ба Мусо, вақте ки суханро бо вай дар кӯҳи Сино ба итмом
расонид, ду лавҳи шаҳодат, алвоҳи сангин дод, ки бо ангушти Худо
бар онҳо навишта шуда буд+.

## Қавм майл ба бутпарастӣ мекунанд.

32 [1] •Ва қавм чун диданд, ки Мусо дар фуромадан аз кӯҳ даранг
мекунад, қавм назди Ҳорун ҷамъ шуда, ба ӯ гуфтанд: «Бархоста,
барои мо худоёне бисоз, ки пешопеши мо равона бошанд, зеро ин
шахс, яъне Мусо, ки моро аз замини Миср берун овард, намедонем,
ки ба вай чӣ ҳодиса рӯй додааст»+.
[2] Ва Ҳорун ба онҳо гуфт: «Ҳалқаҳои тиллоеро, ки дар гӯшҳои
занон, писарон ва духтарони шумост, кашида, назди ман биёред»+.
[3] Ва тамоми қавм ҳалқаҳои тиллоеро, ки дар гӯшҳошон буд,
кашида, назди Ҳорун оварданд.
[4] Ва онҳоро аз дасташон гирифта, бо қалами ҳаккокӣ ба шакле
даровард, ва гӯсолаи рехтае аз он сохт; ва гуфтанд: «Ин аст худои ту,
эй Исроил, ки туро аз замини Миср берун овард!»+
[5] Ва Ҳорун инро дида, қурбонгоҳе пеши он бино кард, ва Ҳорун
эълон намуда, гуфт: «Фардо ид аст барои Худованд!»
[6] Ва фардои он бармаҳал бархоста, қурбониҳои сӯхтанӣ тақдим
намуданд, ва қурбониҳои саломатӣ забҳ карданд; ва қавм барои
хӯрдан ва нӯшидан нишастанд, ва барои рақсу бозӣ бархостанд+.
[7] Ва Худованд ба Мусо гуфт: «Шитоб намуда фурӯд ой, зеро қавми
ту, ки аз замини Миср берун овардаӣ, фосид шудаанд;
[8] Аз роҳе ки ба онҳо амр фармудаам, зуд дур шудаанд, гӯсолаи
рехтае барои худ сохта, пеши он саҷда бурдаанд ва барои он забҳ
карда, гуфтаанд: „Ин аст худои ту, эй Исроил, ки туро аз замини
Миср берун овард!“»
[9] Ва Худованд ба Мусо гуфт: «Ин қавмро дидаам, ва инак, қавми
гарданкаш мебошанд;+
[10] Ва алҳол Маро бигзор, то ки ғазабам бар онҳо аланга зада,
онҳоро маҳв намоям, ва туро қавми бузурге гардонам»+.

## Мусо шафоат менамояд.

[11] Вале Мусо ба ҳузури Худованд Худои худ тазаррӯъ намуда, гуфт:
«Чаро, эй Худованд, ғазаби Ту бар қавмат, ки бо қуввати азим ва
дасти зӯровар онҳоро аз замини Миср берун овардаӣ, аланга занад+?
[12] Чаро мисриён сухан ронда, гӯянд: „Онҳоро бо қасди бад берун
овард, то ки онҳоро дар кӯҳҳо бикушад ва аз рӯи замин маҳв

намояд“? Аз шиддати ғазаби худ баргард, ва қасди бади талаф кардани қавми Худро ботил намо;
13 Бандагони Худ Иброҳим, Исҳоқ ва Яъқубро ба ёд овар, ки барои
онҳо ба Зоти Худ қасам ёд карда, ба онҳо гуфтаӣ: „Насли шуморо мисли ситорагони осмон афзун хоҳам кард; ва тамоми ин заминро, ки дар бораи он сухан рондаам, ба насли шумо хоҳам дод, ва онро ба сурати абадӣ тасарруф хоҳанд намуд“»+.
14 Ва Худованд он бадиро, ки гуфта буд, ки ба сари қавми Худ
хоҳад овард, ботил намуд+.

## Доварии Худо.

15 Ва Мусо тоб хӯрда, аз кӯҳ фурӯд омад, ва ду лавҳи шаҳодат дар
дасташ буд, алвоҳе ки аз ду тарафаш навишта шуда буд: онҳо аз ин тараф ва аз он тараф навишта шуда буд.
16 Ва ин алвоҳ санъати Худо буд, ва навишта навиштаи Худо буд,
ки бар алвоҳ ҳак карда шуда буд.
17 Ва Еҳушаъ садои қавмро, ки ғавғо мекарданд, шунида, ба Мусо
гуфт: «Дар ӯрдугоҳ садои ҷанг аст».
18 Вале ӯ гуфт:
«Ин садои ғулғуладори ғалаба нест,
ва садои дилхароши мағлубият нест,
балки садои ваҷдро ман мешунавам».
19 Ва ҳангоме ки ба ӯрдугоҳ наздик омада, гӯсола ва рақсҳоро дид,
хашми Мусо аланга зад, ва ӯ алвоҳро аз дастҳояш партофт, ва онҳоро зери кӯҳ шикаст.
20 Ва гӯсоларо, ки сохта буданд, гирифта, дар оташ сӯзонид, ва
кӯфта, хока гардонид, ва бар рӯи об пошида, банӣ-Исроилро нӯшонид+.
21 Ва Мусо ба Ҳорун гуфт: «Ин қавм ба ту чӣ карда буданд, ки бар
онҳо гуноҳи азиме овардӣ?»
22 Ва Ҳорун гуфт: «Бигзор хашми оғоям аланга назанад; ту ин
қавмро мешиносӣ, ки ба бадкорӣ омӯхта шудаанд.
23 Ва онҳо ба ман гуфтанд: „Барои мо худое бисоз, то ки пешопеши
мо равона шавад, зеро ки ин шахс, яъне Мусо, ки моро аз замини Миср берун овард, намедонем, ки ба вай чӣ ҳодиса рӯй додааст“.

24 Ва ман ба онҳо гуфтам: „Ҳар кӣ тилло дорад, бикашад“. Ва ба
ман доданд, ва онро дар оташ андохтам, ва ин гӯсола баромад».
25 Ва Мусо ин қавмро дид, ки лаҷомгусехта шудаанд, зеро ки
Ҳорун онҳоро ба дараҷаи лаҷомгусехтагӣ расонида буд, ба дараҷае
ки пеши бадхоҳонашон расво хоҳанд шуд+.
26 Ва Мусо назди дарвозаи ӯрдугоҳ истода, гуфт: «Ҳар кӣ ба тарафи
Худованд бошад, назди ман ояд!» Ва ҳамаи писарони Левӣ назди ӯ
ҷамъ шуданд.
27 Ва ӯ ба онҳо гуфт: «Худованд Худои Исроил чунин мегӯяд: „Ҳар
яке шамшери худро бар рони худ бимонед, дар ӯрдугоҳ аз ин дарвоза
то он дарвоза гузар кунед ва баргардед, ва ҳар яке бародари худро, ва
ҳар яке ёри худро, ва ҳар яке хеши худро бикушед“»+.
28 Ва писарони Левӣ мувофиқи амри Мусо амал карданд; ва аз
қавм тақрибан се ҳазор нафар фурӯ ғалтиданд.
29 Ва Мусо гуфт: «Имрӯз шумо дастҳои худро барои Худованд
тақдис намудед, зеро ки ҳар яке ба писари худ ва ба бародари худ
тааддӣ кардед, то ки имрӯз сазовори баракати Ӯ гардед».

## Мусо қавмро аз гуноҳашон тавба дода, барои онҳо шафоат менамояд.

30 Ва фардои он Мусо ба қавм гуфт: «Шумо гуноҳи азиме кардаед;
ва алҳол ман назди Худованд боло мебароям, шояд гуноҳи шуморо
кафорат кунонам».
31 Ва Мусо назди Худованд баргашта, гуфт: «Оҳ, ин қавм гуноҳи
азиме карда, худои тиллое барои худ сохтаанд.
32 Ва алҳол хуб мешавад, ки Ту гуноҳи онҳоро биомурзӣ, вагар на,
маро аз китоби Худ, ки навиштаӣ, маҳв намо».
33 Ва Худованд ба Мусо гуфт: «Ҳар кӣ пеши Ман гуноҳ кардааст,
варо аз китоби Худ маҳв хоҳам намуд+.
34 Ва алҳол рафта, ин қавмро ба он ҷое ки ба ту гуфтаам, бибар;
инак, фариштаи Ман пешопеши ту хоҳад рафт; вале дар рӯзи ҷазо
доданам онҳоро барои ин гуноҳашон ба ҷазо мустаҳиқ хоҳам кард».
35 Ва Худованд қавмро барои кирдорашон бо гӯсолае ки Ҳорун
сохта буд, бо вабое зарба зад.

## Давоми сафар.

33 [1] Ва Худованд ба Мусо гуфт: «Роҳсипор шуда, аз ин ҷо баро, —
ту ва ин қавме ки аз замини Миср баровардаӣ, сӯи замине ки
Ман дар бораи он ба Иброҳим, Исҳоқ ва Яъқуб қасам хӯрда, гуфтаам:
„Онро ба насли ту хоҳам дод“, —
[2] Ва фариштае пешопеши ту хоҳам фиристод, ва канъониён,
амӯриён, ҳиттиён, фариззиён, ҳиввиён ва ябусиёнро бадар хоҳам
ронд, —+
[3] Сӯи замине ки шир ва асал дар он ҷорист; зеро ки Ман дар миёни
шумо нахоҳам рафт, чунки шумо қавми гарданкаш ҳастед, мабодо
шуморо дар аснои роҳ маҳв кунам»+.
[4] Ва ҳамин ки қавм ин сухани бадро шуниданд, мотам гирифта,
ҳеҷ яке зебу зинати худро бар худ нагузоштанд.
[5] Ва Худованд ба Мусо гуфт: «Ба банӣ-Исроил бигӯ: „Шумо қавми
гарданкаш ҳастед; агар Ман лаҳзае дар миёни шумо биравам,
шуморо маҳв менамоям. Ва алҳол зебу зинати худро аз худ дур созед,
ва Ман мебинам, ки бо шумо чӣ кунам“»+.
[6] Ва банӣ-Исроил зебу зинати худро аз кӯҳи Ҳӯриб аз худ дур
карданд.

## Хаймаи ҷомеъ берун аз ӯрдугоҳ.

[7] Ва Мусо хаймаи худро гирифта, берун аз ӯрдугоҳ, дур аз ӯрдугоҳ
барафрошт, ва онро хаймаи ҷомеъ номид; ва ҳар касе ки толиби
Худованд буд, сӯи хаймаи ҷомеъ, ки берун аз ӯрдугоҳ буд,
мебаромад+.
[8] Ва ҳангоме ки Мусо сӯи хайма мебаромад, тамоми қавм
бархоста, ҳар яке ба дари хаймаи худ меистоданд, ва аз ақиби Мусо
то даме ки ӯ ба хайма медаромад, нигоҳ мекарданд.
[9] Ва ҳангоме ки Мусо ба хайма медаромад, сутуни абр фурӯд
омада, ба дари хайма меистод, ва Ӯ бо Мусо сухан меронд.
[10] Ва ҳангоме ки тамоми қавм сутуни абри ба дари хайма
истодаро медиданд, тамоми қавм бархоста, ҳар яке ба дари хаймаи
худ саҷда мебурданд.
[11] Ва Худованд ба Мусо рӯ ба рӯ сухан меронд, чунон ки касе бо
ёри худ сухан меронад; ва ӯ ба ӯрдугоҳ бармегашт, ва хизматгузори

ӯ, Еҳушаъ ибни Нуни ҷавон, аз хайма дур намешуд.

## Дуои Мусо.

12 Ва Мусо ба Худованд гуфт: «Инак, Ту ба ман мегӯӣ: „Ин қавмро бибар“, вале Ту маро огоҳ накардаӣ, ки ҳамроҳи ман киро мефиристӣ, агарчи гуфтаӣ: „Ман туро ба номат шинохтаам, ва ту манзури назари Ман шудаӣ“.
13 Ва алҳол, агар ман манзури назари Ту шуда бошам, лутфан, роҳҳои Худро ба ман маълум намо, то ки Туро бишносам ва манзури назари Ту гардам; ва Ту ба эътибор гир, ки ин мардум қавми Ту ҳастанд».
14 Ва Ӯ гуфт: «Худам хоҳам омад, то ки ба ту оромӣ бахшам».
15 Ва ба Ӯ гуфт: «Агар Худат наоӣ, моро аз ин ҷо набар.
16 Зеро, аз чӣ маълум шавад, ки ман ва қавми Ту манзури назари Ту шудаем? Оё на аз он ки Ту бо мо биёӣ? Ва дар он сурат ман ва қавми Ту аз ҳамаи қавмҳое ки дар рӯи замин ҳастанд, мумтоз хоҳем шуд»+.
17 Ва Худованд ба Мусо гуфт: «Ин корро низ, ки гуфтаӣ, Ман хоҳам кард, зеро ки ту манзури назари Ман шудаӣ, ва Ман туро бо номат шинохтаам».
18 Ва ӯ гуфт: «Лутфан, ҷалоли Худро ба ман бинамой».
19 Ва Ӯ гуфт: «Ман тамоми ҷалолати Худро аз пеши ту мегузаронам, ва исми Худовандро пеши ту мехонам; ва карим мешавам ба ҳар кӣ сазовори карам аст, ва раҳим мешавам ба ҳар кӣ сазовори раҳм аст»+.
20 Ва Ӯ гуфт: «Ту рӯи Маро наметавонӣ бубинӣ, зеро ки одамизод наметавонад Маро бубинад ва зинда монад»+.
21 Ва Худованд гуфт: «Инак ҷое назди Ман аст: бар ин сахра биист.
22 Ва ҳангоме ки ҷалоли Ман гузар кунад, Ман туро дар шикофи сахра гузошта, бо кафи дасти Худ туро хоҳам пӯшонид, то даме ки бигзарам.
23 Ва ҳамин ки кафи дастамро дур кунам, ту қафои Маро хоҳӣ дид; вале рӯи Ман намудор нахоҳад шуд».

## Алвоҳи дуюм.

**34** [1] •Ва Худованд ба Мусо гуфт: «Барои худ ду лавҳи сангин
мисли аввала битарош, ва Ман суханонеро, ки бар алвоҳи
аввалин буд, ва ту онҳоро шикастӣ, бар ин алвоҳ хоҳам навишт.
[2] Ва барои субҳ тайёр бош, ва субҳгоҳ ба кӯҳи Сино баро, ва дар он
ҷо бар қуллаи кӯҳ ба Ман мунтазир биист+.
[3] Ва касе набояд бо ту барояд, ва низ касе набояд дар тамоми кӯҳ
дида шавад; гӯсфандон ва говон низ набояд дар рӯ ба рӯи ин кӯҳ чаро
кунанд»+.
[4] Ва Мусо ду лавҳи сангин мисли аввала тарошид, ва бомдодон
бархоста, ба кӯҳи Сино баромад, чунон ки Худованд ба ӯ амр
фармуда буд; ва ду лавҳи сангинро ба дасти худ гирифт.

## Дуюмбора зоҳир шудани Худо.

[5] Ва Худованд дар абр фурӯд омада, дар он ҷо бо ӯ биистод, ва
исми Худовандро хонд.
[6] Ва Худованд аз пеши ӯ гузашта, нидо кард: «Худованд, Худованд,
Худои раҳим ва карим, собир ва пур аз эҳсону вафо,+
[7] Ки марҳаматро барои ҳазорон насл нигоҳ медорад, гуноҳ ва
маъсият ва хаторо меомурзад, вале осиёнро беҷазо намегузорад;
барои гуноҳи падарон писарон ва писарони писаронро то насли
сеюм ва чорум ҷазо медиҳад»+.
[8] Ва Мусо шитобон то ба замин хам шуда, саҷда бурд,
[9] Ва гуфт: «Агар ман манзури назари Ту, эй Худованд, шуда бошам,
бигзор Худованд дар миёни мо равона шавад, зеро ки онҳо қавми
гарданкаш ҳастанд, — ва Ту гуноҳҳо ва хатоҳои моро биомурз, ва
моро мероси Худ гардон».
[10] Ва Ӯ гуфт: «Инак, Ман аҳд мебандам: пеши назари тамоми
қавми ту мӯъҷизоте ба амал меоварам, ки дар тамоми дуньё ва дар
ҳамаи халқҳо ба амал наомадааст; ва тамоми қавме ки ту дар
миёнашон мебошӣ, амали Худовандро хоҳанд дид, зеро он чи Ман
барои ту мекунам, сахмгин аст.
[11] Он чиро, ки Ман ба ту имрӯз амр мефармоям, риоят намо; инак,
Ман амӯриён, канъониён, ҳиттиён, фариззиён, ҳиввиён ва ябусиёнро
аз пеши ту бадар хоҳам ронд.

12 Эҳтиёт намо, ки бо сокинони замине ки ба он ҷо меравӣ, аҳд
набандӣ, мабодо дар миёни шумо доме гардад,+
13 Балки қурбонгоҳҳои онҳоро хароб кунед, ва сутунҳои онҳоро
бишканед, ва Ашераҳои онҳоро маҳв намоед,+
14 Чунки ту набояд ба худои дигаре саҷда барӣ, зеро Худованд, ки
исмаш ғаюр аст, Худои ғаюр мебошад+.
15 Мабодо бо сокинони он замин аҳд бандӣ, ки онҳо худоёни худро
фосидона пайравӣ намуда, барои худоёни худ қурбонӣ мекунанд, ва
туро таклиф менамоянд, ва ту аз қурбонии онҳо мехӯрӣ,+
16 Ва аз духтарони онҳо барои писарони худ мегирӣ, ва духтарони
онҳо худоёни худро фосидона пайравӣ намуда, писарони туро фосид
мегардонанд, то ки худоёни онҳоро пайравӣ кунанд+.
17 Худоёни рехта барои худ насоз+.

## Аҳком дар бораи идҳо ва шанбе.

18 Иди фатирро риоят намо: ҳафт рӯз, чунон ки ба ту амр
фармудаам, дар мӯҳлати муайяни моҳи абиб фатир биҳӯр, зеро ки
дар моҳи абиб аз Миср берун омадаӣ+.
19 Ҳар раҳимкушо аз они Ман аст, ва ҳар раҳимкушои наринаи
чорпои ту, хоҳ аз гов бошад хоҳ аз гӯсфанд+.
20 Ва барои раҳимкушои ҳар баррае фидия бидеҳ, ва агар фидия
надиҳӣ, гарданашро бишкан; барои ҳар нахустзодаи писаронат
фидия бидеҳ. Ва ба ҳузури Ман тиҳидаст наоянд+.
21 Шаш рӯз кор кун, ва дар рӯзи ҳафтум истироҳат намо; дар
мавсими шудгор ва дарав низ истироҳати шанберо риоят намо+.
22 Ва иди ҳафтаҳоро дар мавсими дарави навбари гандум ба ҷо
овар; ва иди ҷамъовариро дар гардиши сол.
23 Соле се маротиба тамоми наринаи ту бояд ба ҳузури Худованди
Парвардигор, Худои Исроил ҳозир шаванд+.
24 Зеро ки Ман халқҳоро аз пеши ту бадар хоҳам ронд, ва ҳудуди
туро васеъ хоҳам кард; ва ҳангоме ки ту соле се маротиба омада, ба
ҳузури Худованд Худои худ ҳозир мешавӣ, ҳеҷ кас замини туро
тамаъ нахоҳад кард.
25 Хуни қурбонии Маро бар хамиртуруш нарез, ва қурбонии иди
фисҳ то субҳ боқӣ намонад+.

26 Навбари аввалини заминатро ба хонаи Худованд Худои худ
биёр, бузғоларо дар шири модари он напаз»+.
27 Ва Худованд ба Мусо гуфт: «Ту ин суханонро бинавис, зеро ки
мувофиқи ин суханон бо ту ва бо Исроил аҳд бастаам».
28 Ва ӯ дар он ҷо чил рӯз ва чил шаб назди Худованд буд, нон
нахӯрд ва об нанӯшид; ва суханони аҳд, яъне даҳ аҳкомро бар алвоҳ
навишт+.
29 Ва ҳангоме ки Мусо аз кӯҳи Сино фурӯд меомад, — ва ду лавҳи
шаҳодат дар дасти Мусо буд, вақте ки ӯ аз кӯҳ фурӯд меомад, — Мусо
надонист, ки пӯсти чеҳрааш, ба сабаби гуфтугӯи Худо бо ӯ,
медурахшид+.
30 Ва Ҳорун ва тамоми банӣ-Исроил Мусоро диданд, ва инак, пӯсти
чеҳрааш медурахшид, ва аз наздик шудан ба ӯ тарсиданд.
31 Вале Мусо онҳоро хонд, ва Ҳорун ва ҳамаи раисони ҷамоат
назди ӯ баргаштанд; ва Мусо ба онҳо сухан ронд.
32 Ва баъд аз он тамоми банӣ-Исроил наздик омаданд, ва ҳар он
чиро, ки Худованд ба ӯ дар кӯҳи Сино гуфта буд, ба онҳо амр фармуд.
33 Ва ҳамин ки Мусо ба онҳо сухан ронданро ба анҷом расонид, бар
рӯи худ парда пӯшонид.
34 Ва ҳангоме ки Мусо ба ҳузури Худованд медаромад, то ки бо Ӯ
гуфтугӯ кунад, пардаро то вақти баромаданаш мекашид; ва баромада,
он чиро, ки амр карда шуда буд, ба банӣ-Исроил мегуфт+.
35 Ва банӣ-Исроил чеҳраи Мусоро медиданд, ки пӯсти чеҳраи Мусо
медурахшад; ва Мусо боз пардаро бар рӯи худ мепӯшонид, то вақте
ки барои сухан рондан бо Худо дохил шавад+.

## Дар бораи шанбе.

**35** [1]Ва Мусо тамоми ҷамоати банӣ-Исроилро ҷамъ карда, ба
онҳо гуфт: «Ин аст суханоне ки Худованд амр фармудааст, ки
онҳоро ба амал оваред:
[2]Шаш рӯз кор кунед, ва рӯзи ҳафтум, ки шанбеи оромии комили
Худованд аст, барои шумо муқаддас хоҳад буд; ҳар кӣ дар он кор
кунад, кушта хоҳад шуд+.
[3]Дар ҳамаи масканҳои худ дар рӯзи шанбе оташ барнаафрӯзед».
[4]•Ва Мусо ба тамоми ҷамоати банӣ-Исроил сухан ронда, гуфт:
«Ин аст сухане ки Худованд амр фармуда, гуфтааст:

## Ҳадияҳои қавм.

[5]Аз ҷониби худ ҳадияе барои Худованд бигиред; ҳар касе ки
дилаш моил аст, бигзор ҳадияи Худовандро биёрад: тилло, ва нуқра,
ва мис,
[6]Ва лоҷвард, ва арғувон, ва қирмиз, ва катони нозук, ва пашми
буз,
[7]Ва пӯсти қӯчқор, ки сурх бошад, ва пӯсти тӯхс, ва чӯби ақоқиё,+
[8]Ва равған барои чароғҳо, ва атриёт барои равғани тадҳин ва
барои бухури муаттар,
[9]Ва сангҳои ҷазъ ва сангҳои тарсеъ барои эфӯд ва барои синабанд.
[10]Ва ҳамаи донодилоне ки дар миёни шумо ҳастанд, бигзор
омада, он чиро, ки Худованд амр фармудааст, ба амал оваранд:
[11]Маскан, хаймааш ва болопӯшаш, чангакҳояш ва тахтаҳояш,
ғалақаҳояш, сутунҳояш ва пояҳояш,
[12]Сандуқ ва дастакҳояш, сарпӯш ва пардаи ҷудокунанда*,
[13]Миз ва дастакҳояш ва тамоми колояш, ва нони тақдим,
[14]Ва чароғдон барои рӯшноӣ, ва колояш, ва чароғҳояш, ва равған
барои рӯшноӣ,
[15]Ва қурбонгоҳи бухур ва дастакҳояш, ва равғани тадҳин, ва
бухури муаттар, ва пардаи дар барои даромадгоҳи маскан,
[16]Қурбонгоҳи қурбонии сӯхтанӣ ва панҷараи мисинаш,
дастакҳояш ва тамоми асбобаш, ва лаган ва пояаш,
[17]Пардаҳои саҳн, сутунҳояш ва пояҳои онҳо, ва пардаи дарвозаи
саҳн,

18 Меххои маскан, ва меххои саҳн, ва танобҳои онҳо,
19 Либоси хизматӣ барои хизмат кардан дар қудс, либоси
муқаддас барои Ҳоруни коҳин ва либоси писаронаш барои каҳонат».
20 Ва тамоми ҷамоати банӣ-Исроил аз пеши Мусо баромаданд.
21 Ва ҳар касе ки дилаш моил буд, ва ҳар касе ки рӯҳаш ӯро
далолат менамуд, омада, ҳадияи Худовандро барои кори хаймаи
ҷомеъ, ва барои тамоми хизмати он, ва барои либосҳои муқаддас
меоварданд.
22 Ва мардон бо ҳамроҳии занон, ҳар касе ки дилаш моил буд,
ҳалқаҳои бинӣ ва гӯш, ва ангуштарин ва гарданбанд, ҳар навъ колои
тилло меоварданд, ҳар касе ки мехост пешкаши тилло барои
Худованд биёрад.
23 Ва ҳар касе ки лоҷвард, ва арғувон, ва қирмиз, ва катони нозук,
ва пашми буз, ва пӯсти қӯчқор, ки сурх бошад, ва пӯсти тӯҳс дошт,
онро меовард+.
24 Ҳар касе ки мехост нуқра ва мис ҳадия кунад, онро ҳамчун
ҳадияи Худованд меовард; ва ҳар касе ки чӯби ақоқиё барои ҳар
эҳтиёҷоти хизмат дошт, онро меовард.
25 Ва ҳар зани донодиле ки бо дастҳои худ мересид, ресмони
лоҷвард, ва арғувон, ва қирмиз ва катони нозукро меовард.
26 Ва ҳамаи заноне ки дилашон ба ҳикмат моил буд, пашми бузро
мересиданд.
27 Ва раисон сангҳои ҷазъ ва сангҳои тарсеъ барои эфӯд ва
синабанд меоварданд,
28 Ва атриёт ва равған барои рӯшноӣ ва барои равғани тадҳин ва
барои бухури муаттар.
29 Ҳамаи мардон ва занони банӣ-Исроил, ки дилашон моил буд
барои ҳар коре биёранд, ки ба ҷо овардани онро Худованд ба воситаи
Мусо амр фармуда буд, ҳадияи ихтиёрӣ барои Худованд меоварданд.

## Амр дар бораи Басалъил ва Оҳолиоб.

30 •Ва Мусо ба банӣ-Исроил гуфт: «Диққат намоед, ки Худованд
Басалъил ибни Урӣ ибни Ҳурро аз сибти Яҳудо бо ном хондааст,
31 Ва ӯро аз Рӯҳи Худо, аз ҳикмат ва фаҳм ва дониш ва ҳар ҳунар
пур кардааст,

32 То ки санъатҳоро омӯхта, бо тилло, нуқра ва мис кор кунад,
33 Ва сангҳоро барои мурассаъкорӣ ҳак намояд, ва чӯбтарош
гардида, ҳар кори нафисро ба ҷо оварад;
34 Ва қобилияти таълимдиҳиро ба дили ӯ бахшидааст, — ба дили ӯ
ва Оҳолиоб ибни Аҳисомок аз сибти Дон;
35 Ва Ӯ онҳоро аз ҳикмати дил пур кардааст, то ки амали ҳар
ҳаккок, ва зарбоф, ва гулдӯзи матои лоҷвард ва арғувон ва қирмиз ва
катони нозук, ва нассоҷро ба ҷо оваранд, яъне иҷрокунандагони ҳар
амал ва санъаткорони бомаҳорат бошанд.

## Ҳадияҳои фаровон; ибтидои сохтмон.

**36** [1] Ва Басалъил ва Оҳолиоб ва ҳамаи мардони донодил, ки
Худованд ба онҳо ҳикмат ва фаҳм бахшидааст, то ки барои
иҷрои ҳар амали хизмати қудс моҳир бошанд, мувофиқи ҳар он чи
Худованд амр фармудааст, кор хоҳанд кард».
[2] Ва Мусо Басалъил ва Оҳолиоб ва ҳар каси донодилро, ки
Худованд ба дили вай ҳикмат бахшида буд, ҳар касеро, ки дилаш
моил буд ба кор шурӯъ намояд, ба иҷро кардани он даъват намуд.
[3] Ва тамоми ҳадияеро, ки банӣ-Исроил барои эҳтиёҷоти хизмати
қудс оварда буданд, аз пеши Мусо гирифтанд, то ки кор кунанд, ва
ҳар субҳ боз назди ӯ ба таври ихтиёрӣ ҳадияҳо меоварданд.
[4] Ва ҳамаи доноёне ки ҳар навъ кори қудсро ба ҷо меоварданд, ҳар
яке аз ҷои хизмати худ, ки бо он машғул буд, омаданд,
[5] Ва ба Мусо сухан ронда, гуфтанд: «Қавм бештар аз он чи барои
иҷрои коре лозим аст, ки Худованд ба ҷо овардани онро амр
фармудааст, меоваранд».
[6] Ва Мусо амр фармуд, ва дар ӯрдугоҳ ҷор зада, гуфтанд: «Мардон
ва занон дигар барои ҳадияи қудс кор накунанд». Ва қавм аз овардан
даст кашиданд.
[7] Ва масолеҳ барои иҷрои тамоми кор кифоят мекард, ва ҳатто
зиёдатӣ буд.

[8] •Ва ҳамаи донодилон, ки бо кор машғул буданд, даҳ чодири
масканро аз катони нозуки дутоба ва лоҷвард ва арғувон ва қирмиз
сохтанд, ва каррубиёнро бар онҳо бо бофти санъаткорона нақш
карданд.
[9] Дарозии ҳар як чодир бисту ҳашт зироъ, ва фарохии ҳар як
чодир чор зироъ буд; ҳамаи чодирҳо ба як андоза буд.
[10] Ва панҷ чодирро ба якдигар пайванд кард, ва панҷ чодири
дигарро ба якдигар пайванд кард.
[11] Ва тугмахонаҳо аз лоҷвард бар лаби як чодире ки дар канори
пайвандкунӣ буд, сохт; ва бар лаби чодири канории пайвандкунии
дуюм низ чунин сохт.
[12] Панҷоҳ тугмахона дар як чодир сохт, ва панҷоҳ тугмахона дар
канори чодире ки дар пайвандкунии дуюм буд, сохт; тугмахонаҳо

дар рӯ ба рӯи ҳамдигар буд.
13 Ва панҷоҳ чангаки тилло сохт, ва чодирҳоро бо чангакҳо ба
якдигар пайванд намуд, — ва маскан яклухт шуд.
14 Ва чодирҳо аз пашми буз сохт, то ки хаймае бар маскан бошад;
ёздаҳ адад чунин чодирҳо сохт.
15 Дарозии ҳар як чодир сӣ зироъ, ва фарохии ҳар як чодир чор
зироъ буд; ёздаҳ чодир ба як андоза буд.
16 Ва панҷ чодирро алоҳида, ва шаш чодирро алоҳида пайванд
намуд.
17 Ва панҷоҳ тугмахона ба лаби чодире ки дар канори
пайвандкунӣ буд, сохт, ва панҷоҳ тугмахона бар лаби чодири
пайвандкунии дуюм сохт.
18 Ва панҷоҳ чангаки мисин сохт, то ки хаймаро пайванд намояд,
ва он яклухт шавад.
19 Ва болопӯше барои хайма аз пӯстҳои қӯчқор, ки сурх буд, сохт,
ва болопӯше аз пӯстҳои тӯхс аз болои он+.
20 Ва тахтаҳо, ки меистод, барои маскан аз чӯби ақоқиё сохт.
21 Дарозии ҳар як тахта даҳ зироъ буд, ва фарохии ҳар як тахта —
якуним зироъ.
22 Ва дар ҳар тахта ду дандонаи мутавозии якдигар буд; дар ҳамаи
тахтаҳои маскан чунин сохт.
23 Ва тахтаҳоро барои маскан сохт: бист тахта барои тарафи
ҷанубӣ.
24 Ва чил пояи нуқра зери бист тахта сохт: ду поя зери як тахта
барои ду дандонаи он, ва ду поя зери тахтаи дигар барои ду дандонаи
он.
25 Ва барои тарафи дигари маскан, барои тарафи шимолии он бист
тахта сохт.
26 Ва чил пояи нуқра барои онҳо: ду поя зери як тахта, ва ду поя
зери тахтаи дигар.
27 Ва барои қафои маскан, ки тарафи ғарбист, шаш тахта сохт.
28 Ва барои гӯшаҳои маскан, дар қафо, ду тахта сохт.
29 Ва онҳо аз поён пайваст карда шуд, ва аз боло низ якҷоя дар як
ҳалқа пайваст гардид; бар ҳар ду, яъне барои ҳар ду гӯша чунин сохт.
30 Ва ба ҳамин тариқ ҳашт тахта шуд, ва пояҳои нуқра барои онҳо,
ҷамъ шонздаҳ поя: ду поя, ду поя зери ҳар як тахта.

31 Ва ғалақаҳо аз чӯби ақоқиё сохт: панҷ адад барои тахтаҳои як
тарафи маскан,
32 Ва панҷ ғалақа барои тахтаҳои тарафи дигари маскан, ва панҷ
ғалақа барои тахтаҳои тарафи қафои маскан, ба самти ғарб.
33 Ва ғалақаи миёнаро сохт, то ки аз даруни тахтаҳо аз ин сар то он
сар бигзарад.
34 Ва тахтаҳоро бо тилло пӯшонид, ва ҳалқаҳои онҳоро, ки хонаҳои
ғалақаҳо буд, аз тилло сохт; ва ғалақаҳоро бо тилло пӯшонид.
35 Ва пардае аз лоҷвард ва арғувон ва қирмиз ва катони нозуки
дутоба сохт; бо бофти санъаткорона онро бо каррубиён сохт.
36 Ва барои он чор сутун аз ақоқиё сохт, ва онҳоро бо тилло
пӯшонид, ва илмакҳошон аз тилло буд; ва барои онҳо чор пояи нуқра
рехт.
37 Ва пардае барои даромадгоҳи хайма аз лоҷвард ва арғувон ва
қирмиз ва катони нозуки дутоба бо санъати гулдӯзӣ сохт.
38 Ва панҷ сутуни онро бо илмакҳошон сохта, сарҳо ва
чамбаракҳои онҳоро бо тилло пӯшонид; ва панҷ пояи онҳо аз мис
буд.

## Сандуқ.

**37** 1 •Ва Басалъил сандуқе аз чӯби акоқиё сохт, ки дарозияш дую ним зироъ, ва фарохияш якуним зироъ, ва қадаш якуним зироъ буд+.
2 Ва онро аз дарун ва аз берун бо тиллои холис пӯшонид, ва барои он гирдогирд афсари тилло сохт.
3 Ва барои он, бар чор гӯшаи он чор ҳалқаи тилло рехт: ду ҳалқа бар як паҳлуяш, ва ду ҳалқа бар паҳлуи дигараш.
4 Ва дастакҳо аз чӯби акоқиё сохта, онҳоро бо тилло пӯшонид.
5 Ва он дастакҳоро ба ҳалқаҳое ки бар паҳлуҳои сандуқ ҳаст, дохил намуд, то ки сандуқ ба воситаи онҳо бардошта шавад.

## Сарпӯш.

6 Ва сарпӯше аз тиллои холис сохт, ки дарозияш дую ним зироъ, ва фарохияш якуним зироъ буд.
7 Ва ду карубӣ аз тилло сохт; онҳоро яклухт, аз ду канори сарпӯш сохт.
8 Як каррубиро аз ин канор, ва каррубии дигарро аз он канор сохт; каррубиёнро аз худи сарпӯш бар ду канори он сохт.
9 Ва каррубиён болҳоро дар боло паҳн карда, сарпӯшро бо болҳои худ мепӯшониданд, ва рӯйҳошон сӯи якдигар буд; рӯйҳои каррубиён сӯи сарпӯш буд.

## Миз барои нони тақдим.

10 •Ва мизе аз чӯби акоқиё сохт, ки дарозияш ду зироъ, ва фарохияш як зироъ, ва қадаш якуним зироъ буд.
11 Ва онро бо тиллои холис пӯшонид, ва гирдогирдаш афсари тилло сохт.
12 Ва ҳошияе гирдогирди он ба андозаи як қабза сохт, ва афсари тилло гирдогирди ҳошияи он сохт.
13 Ва чор ҳалқаи тилло барои он сохт; ва ҳалқаҳоро бар чор гӯшаи чор почаи он барқарор намуд.
14 Ҳалқаҳо ба баландии ҳошия мувофиқ буда, ҳамчун хонаҳои дастакҳо барои бардоштани миз хизмат мекард.

[15] Ва дастакҳоро аз чӯби ақоқиё сохт, ва онҳоро бо тилло пӯшонид,
то ки барои бардоштани миз хизмат кунад.
[16] Ва колоеро, ки бар миз бояд бошад, яъне табақҳои он, ва
қошуқҳои он, ва тосҳои он, ва пиёлаҳои онро, ки ҳадияи рехтаниро
ба воситаи онҳо мерезанд, аз тиллои холис сохт.

## Чароғдони тилло.

[17] •Ва чароғдоне аз тиллои холис сохт; чароғдонро яклухт сохт, ба
тавре ки поя ва шохаҳои он, қуббаҳо, ғунчаҳо ва гулҳои он аз худи он
буд.
[18] Ва шаш шоха аз паҳлуҳои он берун меомад: се шохаи чароғдон
аз як паҳлуяш, ва се шохаи чароғдон аз паҳлуи Дигараш.
[19] Се қуббаи монанди гули бодом дар як шоха бо ғунча ва гул буд,
ва се қуббаи монанди гули бодом дар шохаи дигар, бо ғунча ва гул;
ҳамчунин дар шаш шохае ки аз чароғдон берун меомад.
[20] Ва дар пояи чароғдон чор қуббаи монанди гули бодом бо
ғунчаҳо ва гулҳои он буд.
[21] Ва ғунчае зери ду шохаи он, ва ғунчае зери ду шохаи он, ва
ғунчае зери ду шохаи он, — барои шаш шохае ки аз он берун меомад.
[22] Ғунчаҳояш ва шохаҳояш аз худи он буданд, он куллиятан яклухт
аз тиллои холис буд.
[23] Ва ҳафт чароғаш ва анбӯрҳояш, ва маҷмарҳояшро аз тиллои
холис сохт.
[24] Онро бо тамоми колои он аз як киккар тиллои холис сохт.

## Қурбонгоҳи бухур.

[25] •Ва қурбонгоҳи бухурро аз чӯби ақоқиё сохт, ки дарозияш як
зироъ, ва фарохияш як зироъ, яъне мураббаъ буд, ва қадаш ду зироъ;
шохҳояш аз худаш буд.
[26] Ва онро бо тиллои холис пӯшонид: бомаш ва деворҳояшро
гирдогирд ва шохҳояшро; ва афсари тилло барояш гирдогирд сохт.
[27] Ва ду ҳалқаи тилло барояш аз таги афсараш бар ду паҳлуяш,
яъне бар ду тарафаш сохт, ҳамчун хонаҳои дастакҳо сохт, то ки онро
ба воситаи онҳо бардоранд.
[28] Ва дастакҳоро аз чӯби ақоқиё сохт, ва онҳоро бо тилло пӯшонид.

29
Ва равғани тадҳини муқаддас, ва бухури муаттари пок сохт, ки
бо санъати атрсозӣ сохта шуда буд+.

## Қурбонгоҳи қурбонии сӯхтанӣ.

38 1 Ва қурбонгоҳи қурбонии сӯхтаниро аз чӯби ақоқиё сохт,
ки дарозияш панҷ зироъ, ва фарохияш панҷ зироъ, яъне
мураббаъ буд; ва қадаш се зироъ.
2 Ва шохҳои онро бар чор гӯшаи он сохт, ба тавре ки шохҳояш аз
худи он буд; ва онро бо мис пӯшонид.
3 Ва тамоми колои қурбонгоҳ: тосҳо ва хокандозҳо ва косаҳо ва
чанголҳо ва маҷмарҳоро сохт; тамоми колояшро аз мис сохт.
4 Ва барои қурбонгоҳ панҷарае аз мис ба сурати шабака сохта,
зери канораи он аз поён то нисфи он гузошт.
5 Ва чор ҳалқа бар чор гӯшаи панҷараи мисин ҳамчун хонаҳо
барои дастакҳо рехт.
6 Ва дастакҳо аз чӯби ақоқиё сохта, онҳоро бо мис пӯшонид.
7 Ва дастакҳоро ба ҳалқахое ки бар паҳлуҳои қурбонгоҳ буд,
гузаронид, то ки онро ба воситаи онҳо бардоранд; онро аз тахтаҳо
дарунхолӣ сохт.

## Лаган барои шустушӯ.

8 Ва лагани мисин сохт, ки пояаш низ мисин буд, аз оинаҳои
заноне ки назди даромадгоҳи хаймаи ҷомеъ ҷамъ мешуданд+.

## Саҳн.

9 Ва саҳнро сохт; ба тарафи ҷанубӣ пардаҳои саҳн аз катони
нозуки дутоба ба дарозии сад зироъ буд;
10 Сутунҳои онҳо бист адад, ва пояҳои онҳо бист адад аз мис буд;
илмакҳои сутунҳо ва бандҳои онҳо аз нуқра буд.
11 Ва ба тарафи шимолӣ сад зироъ; сутунҳошон бист адад, ва
пояҳошон бист адад аз мис буд; илмакҳои сутунҳо ва бандҳошон аз
нуқра буд.
12 Ва ба тарафи ғарбӣ — пардаҳо панҷоҳ зироъ; сутунҳошон даҳ
адад, ва пояҳошон даҳ адад буд; илмакҳои сутунҳо ва бандҳошон аз
нуқра буд.
13 Ва ба тарафи офтоббарои шаркӣ — панҷоҳ зироъ.
14 Пардаҳо барои як паҳлу понздаҳ зироъ, сутунҳошон се адад, ва
пояҳошон се адад буд.

[15] Ва барои паҳлуи дуюм, аз ин тараф ва аз он тарафи дарвозаи
саҳн, пардаҳо понздаҳ зироъ, сутунҳошон се адад, ва пояҳошон се
адад буд.
[16] Ҳамаи пардаҳои саҳн гирдогирд аз катони нозуки дутоба буд.
[17] Ва пояҳои сутунҳо аз мис, илмакҳои сутунҳо ва бандҳошон аз
нуқра, ва пӯшиши сарҳошон аз нуқра буд, ва ҳамаи сутунҳои саҳн бо
бандҳои нуқра пайваст карда шуда буд.

## Дарвозаи саҳн.

[18] Ва пардаи дарвозаи саҳн бо санъати гулдӯзӣ аз лоҷвард ва
арғувон ва қирмиз ва катони нозуки дутоба сохта шуда буд; ва
дарозияш бист зироъ, ва қадаш ба фарохии панҷ зироъ мувофиқи
пардаҳои саҳн буд.
[19] Ва сутунҳошон чор адад, ва пояҳошон чор адад аз мис буд;
илмакҳошон аз нуқра, ва пӯшиши сарҳошон ва бандҳошон аз нуқра
буд.
[20] Ва ҳамаи мехҳои маскан ва саҳн гирдогирд аз мис буд.
[21] Ин аст ҳисоботи маскан, маскани шаҳодат, ки бо амри Мусо, бо
хизмати левизодагон, зери назорати Итомор ибни Ҳоруни коҳин
тартиб дода шудааст+.
[22] Ва Басалъил ибни Урӣ ибни Ҳур, аз сибти Яҳудо, ҳар он чиро, ки
Худо ба Мусо амр фармуда буд, сохт.
[23] Ва бо ӯ Оҳолиоб ибни Аҳисомок, аз сибти Дон буд, ки вай ҳаккок
ва зарбоф ва гулдӯз бар лоҷвард ва арғувон ва қирмиз ва катони
нозуки дутоба буд.
[24] Тамоми тиллое ки дар тамоми кори қудс ба кор бурда шуд, яъне
тиллои инъом, бисту нӯҳ киккар ва ҳафтсаду сӣ сиқл, мувофиқи
сиқли муқаддас буд.
[25] Ва нуқраи саршумории ҷамоат сад киккар ва ҳазору ҳафтсаду
ҳафтоду панҷ сиқл, мувофиқи сиқли муқаддас буд+.
[26] Як беқаъ аз ҳар сар, яъне ним сиқл, мувофиқи сиқли муқаддас,
аз ҳар нафаре ки аз саршуморӣ гузаштааст, аз синни бистсола ва
болотар, ки ҷамъ шашсаду се ҳазору панҷсаду панҷоҳ нафар буданд+.
[27] Ва сад киккар нуқра барои рехтани пояҳои қудс ва пояҳои парда
сарф шуд, — сад поя аз сад киккар, як киккар барои як поя.

28 Ва аз ҳазору ҳафтсаду ҳафтоду панҷ сиқл илмакҳо барои
сутунҳо сохт, ва сарҳои онҳоро пӯшонид, ва бандҳо барои онҳо сохт.
29 Ва миси инъом ҳафтод киккар ва ду ҳазору чорсад сиқл буд.
30 Ва аз он пояҳои даромадгоҳи хаймаи ҷомеъ ва қурбонгоҳи
мисин, ва панҷараи мисини он, ва тамоми колои қурбонгоҳро сохт,
31 Ва пояҳои гирдогирди саҳн, ва пояҳои дарвозаи саҳн, ва ҳамаи
меххои маскан, ва ҳамаи меххои гирдогирди саҳнро сохт.

## Либоси Ҳоруни саркоҳин.

39 [1] •Ва аз лоҷвард ва арғувон ва қирмиз либосҳои хизматӣ
барои хизмат кардан дар қудс сохтанд; ва либосҳои муқаддас
барои Ҳорун сохтанд, чунон ки Худованд ба Мусо амр фармуда буд.
[2] Ва эфӯдро аз тилло, лоҷвард ва арғувон ва қирмиз ва катони
нозуки дутоба сохт.
[3] Ва лавҳаҳои нозук аз тилло сохтанд, ва риштаҳо аз он буриданд,
то ки дар миёни лоҷвард ва арғувон ва қирмиз ва катони нозук бо
бофти санъаткорона бибофанд.
[4] Китфпӯшакҳои пайвастшаванда барои он сохтанд, ки бар ду
канори он пайваст мешуд.
[5] Ва тасмаи бандубасти он, ки бар он буд, бо ҳамон санъат аз худи
он, яъне аз тилло, лоҷвард ва арғувон ва қирмиз ва катони нозуки
дутоба сохта шуд, чунон ки Худованд ба Мусо амр фармуда буд.
[6] Ва сангҳои ҷазъро дуруст карда, дар нигинхонаҳои тилло
нишониданд, ва номҳои банӣ-Исроилро бо ҳакки мӯҳр бар онҳо ҳак
намуданд.
[7] Ва онҳоро бар китфпӯшакҳои эфӯд ҷойгир кард, то ки сангҳои
ёдгорӣ барои банӣ-Исроил бошад, чунон ки Худованд ба Мусо амр
фармуда буд.
[8] Ва синабандро бо бофти санъаткорона, мисли бофти эфӯд, аз
тилло, лоҷвард ва арғувон ва қирмиз ва катони нозуки дутоба сохт.
[9] Он мураббаъ буд; синабандро дуқабата сохтанд, дарозияш як
ваҷаб ва фарохияш як ваҷаб, дуқабата.
[10] Ва дар он чор қатор санг нишониданд: қатори лаъл, ёқути зард
ва зумуррад — ин қатори якум буд.
[11] Ва қатори дуюм: баҳрамон, ёқути кабуд ва алмос.
[12] Ва қатори сеюм: ёқути тар, ақиқи сӯхта ва ҷамаст.
[13] Ва қатори чорум: забарҷад, ҷазъ ва яшм; онҳо дуруст карда, дар
нигинхонаҳои тилло нишонида шуда буд.
[14] Ва ин сангҳо бо номҳои банӣ-Исроил, яъне дувоздаҳ адад бо
номҳои онҳо буд; бо ҳакки мӯҳр, ҳар яке ба номи худаш, барои
дувоздаҳ сибт буд.

[15] Ва бар синабанд занҷирҳо ба шакли танобе, бо санъати бофти
морпеч, аз тиллои холис сохтанд.
[16] Ва ду нигинхонаи тилло ва ду ҳалқаи тилло сохтанд, ва ду
ҳалқаро ба ду канори синабанд андармон карданд.
[17] Ва он ду занҷири морпечи тиллоро бо ин ду ҳалқа бар канорҳои
синабанд андармон карданд.
[18] Ва ду сари дигари ду занҷири морпечро ба ду нигинхона
пайванд намуда, бар китфпӯшакҳои эфӯд, ба тарафи абраи он
андармон карданд.
[19] Ва боз ду ҳалқаи тилло сохтанд, ва онҳоро бар ду канори
синабанд, ба он лабаш, ки ба тарафи астари эфӯд аст, андармон
карданд.
[20] Ва боз ду ҳалқаи тилло сохтанд, ва онҳоро бар ду китфпӯшаки
эфӯд аз поён, аз тарафи абраи он, назди пайвандшавии он, аз болои
тасмаи эфӯд андармон карданд.
[21] Ва синабандро аз ҳалқаҳояш ба ҳалқаҳои эфӯд бо риштаи
лоҷвард банд карданд, то ки он бар тасмаи эфӯд бошад, ва синабанд
аз эфӯд ҷудо нашавад, чунон ки Худованд ба Мусо амр фармуда буд.
[22] Ва ридои эфӯдро бо санъати бофтагарӣ комилан аз лоҷвард
сохт.
[23] Ва чоки ридоро дар миёнаи он мисли чоки ҷавшан сохт;
лаблӯлае гирдогирди чокаш буд, то ки надаррад.
[24] Ва дар лаби домани ридо анорҳо аз лоҷвард ва арғувон ва
кирмизи дутоба сохтанд.
[25] Ва зангӯлачаҳои тилло аз тиллои холис сохтанд, ва
зангӯлачаҳоро дар миёни анорҳо, бар домани ридо гузоштанд,
гирдогирди он, дар миёни анорҳо.
[26] Зангӯлача ва аноре, зангӯлача ва аноре дар лаби домани ридо
гирдогирди он барои хизмат кардан, чунон ки Худованд ба Мусо амр
фармуда буд.
[27] Ва пероҳане аз катони нозук, бо санъати бофтагарӣ барои Ҳорун
ва писаронаш сохтанд;
[28] Ва аммомае аз катони нозук, ва кулоҳҳои зебое аз катони нозук,
ва эзорҳои катон аз катони нозуки дутоба;
[29] Ва камарбанде аз катони нозуки дутоба ва лоҷвард ва арғувон ва
қирмиз, бо санъати гулдӯзӣ, чунон ки Худованд ба Мусо амр

фармуда буд.
[30] Ва лавҳаи афсари муқаддасро аз тиллои холис сохтанд, ва бар
он хатте мисли ҳакки мӯҳр навиштанд: «Муқаддас аст барои
Худованд».
[31] Ва бар он риштаи лоҷварде андармон карданд, то ки аз боло ба
аммома бибанданд, чунон ки Худованд ба Мусо амр фармуда буд.
[32] Ва тамоми кори маскани хаймаи ҷомеъ ба анҷом расид; ва
банӣ-Исроил онро сохтанд, мувофиқи ҳар он чи Худованд ба Мусо
амр фармуда буд, амал карданд;
[33] Ва маскани хаймаро назди Мусо оварданд, бо тамоми колояш,
чангакҳояш, тахтаҳояш, ғалақаҳояш ва сутунҳояш ва пояҳояш;
[34] Ва болопӯш аз пӯстҳои қӯчқор, ки сурх буд, ва болопӯш аз
пӯстҳои тӯхс, ва пардаи ҷудокунанда;+
[35] Ва сандуқи шаҳодат ва дастакҳояш, ва сарпӯш;
[36] Ва миз, ва тамоми колояш, ва нони тақдим;
[37] Ва чароғдони пок, ва чароғҳояш, яъне, чароғҳои ҷо ба ҷо
гузошташуда, ва тамоми колояш, ва равған барои рӯшноӣ;
[38] Ва қурбонгоҳи тилло, ва равғани тадҳин, ва бухури муаттар, ва
пардаи даромадгоҳи хайма;
[39] Ва қурбонгоҳи мисин, ва панҷараи мисинаш, ва дастакҳояш, ва
лаган ва пояҳояш;
[40] Ва пардаҳои саҳн, ва сутунҳояш ва пояҳояш, ва пардаи дарвозаи
саҳн, ва танобҳояш ва меххояш, ва тамоми колои хизмати маскан
барои хаймаи ҷомеъ;
[41] Ва либосҳои хизматӣ барои хизмат кардан дар қудс, ва
либосҳои муқаддас барои Ҳоруни коҳин, ва либосҳои писаронаш
барои каҳонат кардан.
[42] Мувофиқи ҳар он чи Худованд ба Мусо амр фармуда буд, банӣ-
Исроил тамоми корро ба ҷо оварданд.
[43] Ва Мусо тамоми корро аз назар гузаронид, ва инак онҳо онро,
ончунон ки Худованд амр фармуда буд, ба ҷо оварданд; ва Мусо
онҳоро баракат дод.

## Маскан тайёр шуд, ва онро тақдис карданд.

**40** [1] Ва Худованд ба Мусо сухан ронда, гуфт:
[2] «Дар рӯзи якуми моҳи якум маскани хаймаи ҷомеъро
барпо намо.
[3] Ва дар он ҷо сандуқи шаҳодатро бимон, ва пардаро бар сандуқ
паҳн намо.
[4] Ва мизро дохил карда, лавозимоташро ба тартиб овар; ва
чароғдонро даровара, чароғҳояшро барафрӯз.
[5] Ва қурбонгоҳи тиллои бухурро пеши сандуқи шаҳодат бимон, ва
пардаи даромадгоҳи масканро биовез.
[6] Ва қурбонгоҳи қурбонии сӯхтаниро пеши даромадгоҳи маскани
хаймаи ҷомеъ бимон.
[7] Ва лаганро дар миёни хаймаи ҷомеъ ва қурбонгоҳ бимон, ва об
дар он бирез.
[8] Ва саҳнро гирдогирд барпо намо, ва пардаи дарвозаи саҳнро
биовез.
[9] Ва равғани тадҳинро гирифта, масканро бо ҳар он чи дар он аст,
тадҳин намо, ва онро бо тамоми колояш тақдис кун, ва он муқаддас
хоҳад шуд.
[10] Ва қурбонгоҳи қурбонии сӯхтаниро бо тамоми колояш тадҳин
намо, ва қурбонгоҳро тақдис кун; ва ин қурбонгоҳ қудси қудсҳо
хоҳад шуд.
[11] Ва лаган ва пояашро тадҳин намо, ва онро тақдис кун.
[12] Ва Ҳорун ва писаронашро ба даромадгоҳи хаймаи ҷомеъ наздик
биёр, ва онҳоро дар об ғусл деҳ.
[13] Ва Ҳорунро либоси муқаддас бипӯшон, ва ӯро тадҳин намо, ва
ӯро тақдис кун, то ки барои Ман каҳонат намояд.
[14] Ва писарони ӯро наздик биёр, ва онҳоро пероҳанҳо бипӯшон.
[15] Ва онҳоро тадҳин намо, чунон ки падарашонро тадҳин кардӣ, то
ки барои Ман каҳонат намоянд; ва тадҳин ёфтани онҳо барои
каҳонати абадӣ дар наслҳои онҳо хоҳад буд».
[16] Ва Мусо ба амал овард; ончунон ки Худованд ба ӯ амр фармуда
буд, ба ҷо овард.
[17] Ва дар моҳи аввали соли дуюм, дар рӯзи якуми моҳ, маскан
барпо гардид.

[18] Ва Мусо масканро барпо намуд, ва пояҳояшро гузошт, ва
тахтаҳояшро барқарор кард, ва ғалақахояшро ниҳод, ва сутунҳояшро
барпо намуд.
[19] Ва хаймаро бар маскан паҳн кард, ва болопӯши хаймаро аз боло
бар он гузошт, чунон ки Худованд ба Мусо амр фармуда буд.
[20] Ва шаҳодатро гирифта, дар сандуқ гузошт, ва дастакҳоро ба
сандуқ пайваст намуд, ва сарпӯшро аз боло бар сандуқ гузошт+.
[21] Ва сандуқро ба маскан даровард, ва пардаи ҷудокунандаро
овехта, сандуқи шаҳодатро рӯпӯш намуд, чунон ки Худованд ба Мусо
амр фармуда буд.
[22] Ва мизро дар хаймаи ҷомеъ ба тарафи шимолии маскан берун
аз парда ҷойгир кард.
[23] Ва бар он як даста нонро ба ҳузури Худованд тартиб дод, чунон
ки Худованд ба Мусо амр фармуда буд.
[24] Ва чароғдонро дар хаймаи ҷомеъ дар рӯ ба рӯи миз, ба тарафи
ҷанубии маскан гузошт.
[25] Ва чароғҳоро ба ҳузури Худованд барафрӯхт, чунон ки Худованд
ба Мусо амр фармуда буд.
[26] Ва қурбонгоҳи тиллоро дар хаймаи ҷомеъ, пеши парда ҷойгир
кард.
[27] Ва бухури муаттар бар он сӯзонид, чунон ки Худованд ба Мусо
амр фармуда буд.
[28] Ва пардаи даромадгоҳи масканро овехт.
[29] Ва қурбонгоҳи қурбонии сӯхтаниро пеши даромадгоҳи маскани
хаймаи ҷомеъ гузошт, ва қурбонии сӯхтанӣ ва ҳадияи ордиро бар он
тақдим намуд, чунон ки Худованд ба Мусо амр фармуда буд.
[30] Ва лаганро дар миёни хаймаи ҷомеъ ва қурбонгоҳ гузошт, ва
дар он барои шустушӯй об рехт.
[31] Ва Мусо ва Ҳорун ва писаронаш дастҳо ва пойҳои худро аз он
шустушӯ карданд,
[32] Вақте ки ба хаймаи ҷомеъ даромада, ба қурбонгоҳ наздик
шуданд, шустушӯ карданд, чунон ки Худованд ба Мусо амр фармуда
буд.
[33] Ва саҳнро гирдогирди маскан ва қурбонгоҳ барпо намуд, ва
пардаи дарвозаи саҳнро овехт, ва Мусо корро ба анҷом расонид.

[34] Ва абр хаймаи ҷомеъро пӯшонид, ва ҷалоли Худованд масканро
пур кард+.
[35] Ва Мусо натавонист ба хаймаи ҷомеъ дохил шавад, зеро ки абр
бар он сокин буд, ва ҷалоли Худованд масканро пур карда буд.
[36] Ва ҳангоме ки абр аз маскан боло мебаромад, банӣ-Исроил дар
тамоми сафари худ роҳсипор мешуданд+.
[37] Ва агар абр боло намебаромад, то рӯзи боло баромадани он
роҳсипор намешуданд.
[38] Зеро ки абри Худованд бар маскан рӯзона, ва оташ дар он
шабона, пеши назари тамоми хонадони Исроил дар тамоми сафари
онҳо буд.

---

* 8:26 Гов, гӯсфанд, буз ва чорпоёни дигар дар назар дошта шудааст, ки мисриён онхоро ҳайвоноти муқаддас донista, мисли бут парастиш мекарданд.

* 13:4 **Моҳи абиб** — моҳи пухтани хӯшаҳо.

* 15:23 Талх.

* 17:7 Озмоиш ва низоъ.

* 17:15 Худованд байрақи ман аст.

* 21:6 Яъне назди доварон.

* 25:7 **эфӯд ва барои синабанд** — либосҳои рӯи саркоҳин, ки тасвири муфассали онҳо дар боби 28 дода шудааст.

* 28:30 **Урим ва туммим** — сангҳои қуръа бар сари синаи саркоҳин, ки яке ҷавоби мусбӣ ва дигаре ҷавоби манфиро оид ба ягон масъалаи

муҳимми ҳалталаб мефаҳмонд.

* 29:40 **даҳьяк** эфа дар назар дошта шудааст, ки ба 4 литр баробар аст.

* 29:40 **Ҳин** — андозаи моеот, ки 6,65 литр аст.

* 30:13 **Сиқли муқаддас** — ба ду сиқли оддӣ, яъне тақрибан ба 33 грамм тилло ё ба 29 грамм нуқра баробар буд.

* 30:34 **нотоф, шҳелет ва ҳелбано бигир, ва лебӯнои** — набототи атрогин, ки шираи (чакидаи) онҳо ба кор бурда мешуд.

* 35:12 Пардае ки қудси қудсҳоро аз қудс ҷудо мекард.

---

+ 1:4 Ҳас. 35:23-26

+ 1:5 Ҳас. 46:27

+ 1:8 Аъм. 7:18

+ 1:11 Ҳас. 15:13, Ҳас. 47:11

+ 2:1 Хур. 6:20, Ад. 26:59

+ 2:18 Ад. 10:29

+ 2:24 Ҳас. 15:14, Ҳас. 46:4

+ 2:25 Дов. 2:18, 1 Подш. 9:16

+ 3:1 3 Подш. 19:8

+ 3:5 Еҳ. 5:15

+ 3:6 Аъм. 7:32

+ 3:8 Так. Шар. 26:15

+ 3:9 1 Подш. 2:24-25

+ 3:12 Еҳ. 1:5, Дов. 6:16

+ 3:14 Юҳ. 8:58

+ 3:20 Хур. 12:31

+ 3:21 Ҳас. 15:14

+ 4:10 Ирм. 1:6

+ 4:11 Мас. 20:12

+ 4:19 Хур. 2:15

+ 4:21 Еҳ. 11:20

+ 4:22 Ирм. 31:9, Ҳуш. 11:1

+ 5:2 Айюб 21:15

+ 5:22 Еҳ. 7:7

+ 6:3 Ҳас. 17:1

+ 6:7 Ҳиз. 20:5

+ 6:8 Ҳас. 15:18, Ҳас. 26:3, Ҳас. 35:12

+ 6:14 Ҳас. 46:8-11

+ 6:15 Ҳас. 46:10, Ад. 26:12-13

+ 6:16 Ад. 3:17, 1 Вақ. 6:16

+ 6:19 Ад. 26:57-58

+ 6:20 Ад. 26:59

+ 6:21 Ад. 16:1-35

+ 6:22 Иб. 10:4

+ 6:23 Ад. 1:7, Ад. 2:3, Ад. 26:60-61

+ 6:24 Ад. 26:11, 1 Вақ. 6:22-23

+ 6:25 Ад. 25:7

+ 8:8 Хур. 9:28, Хур. 10:17

+ 8:26 Ҳас. 43:32, Ҳас. 46:34

+ 9:12 Заб. 104:25

+ 9:16 Рум. 9:17

+ 9:23 Ех. 10:11, Ваҳй 11:19, Ваҳй 16:21

+ 9:27 2 Вак. 12:6

+ 9:28 Хур. 8:8, Хур. 10:17

+ 9:29 Хур. 19:5, Так. Шар. 10:14, Заб. 23:1

+ 10:4 Ом. 7:1, Ваҳй 9:3

+ 10:16 Лук. 15:18

+ 10:17 Хур. 8:8, Хур. 9:28

+ 11:7 Мал. 3:18

● 12:1 *Иб. 23:5-8, Ад. 28:16-25, Так. Шар. 16:1-8*

+ 12:6 Ад. 9:10-11

+ 12:12 Ад. 33:4

+ 12:22 Иб. 14:6, Ад. 19:6, Ад. 19:18, Заб. 50:9

+ 12:26 Хур. 13:14, Так. Шар. 6:20, Ех. 4:6

+ 12:35 Хур. 11:2

+ 12:36 Ҳас. 15:14

+ 12:37 Ад. 11:21, Ад. 33:5

+ 12:40 Ҳас. 15:13, Аъм. 7:6, Ғал. 3:17

+ 12:46 Ад. 9:12, Юҳ. 19:36

+ 12:49 Иб. 19:34, Иб. 24:22, Ад. 9:14, Ад. 15:15-16, Так. Шар. 10:19

+ 13:2 Хур. 22:29, Хур. 34:19, Иб. 27:26, Ад. 3:13, Ад. 8:16, Ад. 18:15-17, Так. Шар. 15:19, Луқ. 2:23

+ 13:7 Иб. 23:5-8

+ 13:9 Так. Шар. 6:8, Так. Шар. 11:18

+ 13:14 Хур. 12:26, Так. Шар. 6:20

+ 13:17 Ад. 14:1-4

+ 13:19 Ҳас. 50:25

+ 13:20 Ад. 33:6

+ 13:21 Хур. 40:34, Ад. 9:15, Ад. 10:34, Так. Шар. 1:33

+ 14:2 Ад. 33:7

+ 14:8 Ад. 33:3

+ 14:14 Так. Шар. 1:30, Так. Шар. 3:22, Еҳ. 23:3, Еҳ. 23:10, Наҳ. 4:20

+ 14:21 Ех. 3:16, 4 Подш. 2:8

+ 14:29 Ех. 3:13-17

+ 15:1 Иш. 12:5, Заб. 75:7

+ 15:2 Заб. 117:13, Иш. 12:2

+ 15:3 Заб. 23:8

+ 15:6 Заб. 117:15

+ 15:8 Заб. 77:13, 2 Подш. 22:16

+ 15:11 Так. Шар. 3:24, Так. Шар. 33:26, 1 Подш. 2:2, 2 Подш. 7:22, 3 Подш. 8:23, 2 Вак. 6:14, Заб. 85:8, Заб. 88:7-9, Иш. 45:5-6, Ирм. 10:6

+ 15:15 Ад. 14:14, Ад. 22:2-4, Ех. 2:9

+ 15:17 Заб. 77:54

+ 15:18 Заб. 9:37, Заб. 28:10, Заб. 145:10

+ 15:20 Хур. 2:4-8, Ад. 12, Ад. 20:1, Ад. 26:59, Так. Шар. 24:9, Мик. 6:4, Дов. 11:34, Дов. 21:21, 1 Подш. 18:6

+ 15:21 Заб. 75:7

+ 15:22 Ҳас. 16:7, Ад. 33:8

+ 15:26 Заб. 102:3

+ 15:27 Ад. 33:9

+ 16:1 Ад. 33:1

+ 16:3 Ад. 14:2, Ад. 20:3, Ад. 11:4-5

+ 16:7 Ад. 16:11

+ 16:13 Ад. 11:31, Ад. 11:7-9

+ 16:16 Хур. 16:36

+ 16:18 2 Қӯр. 8:15

+ 16:23 Хур. 20:8-11

+ 16:35 Ад. 14:33, Так. Шар. 8:2, Еҳ. 5:12

+ 17:1 Ад. 33:12, Ад. 33:14

+ 17:2 Ад. 20:3-5

+ 17:4 Ад. 14:10

+ 17:6 Ад. 20:7-11

+ 17:8 Ҳас. 36:12, Ад. 13:29, Ад. 24:20, Так. Шар. 25:17-18, 1 Подш. 15:2

+ 17:14 1 Подш. 15:7-8

+ 18:1 Хур. 3:1

+ 18:11 1 Вақ. 16:25

+ 18:18 Ад. 11:14, Так. Шар. 1:12

+ 18:21 Так. Шар. 16:18, Эзр. 7:25

+ 18:25 Так. Шар. 1:15

+ 18:26 Так. Шар. 1:17

+ 19:2 Ад. 33:15

+ 19:4 Так. Шар. 32:11

+ 19:5 Так. Шар. 7:6, Так. Шар. 14:2, Так. Шар. 26:18, Заб. 134:4, Мал. 3:17, Хур. 9:29, Так. Шар. 10:14

+ 19:6 Так. Шар. 14:21, Ирм. 2:3, 1 Пет. 2:5, 1 Пет. 2:9, Ваҳй 1:6, Ваҳй 5:10, Ваҳй 20:6

+ 19:8 Хур. 24:3

+ 19:10 Ад. 11:18

+ 19:13 Ибр. 12:20

+ 19:21 1 Подш. 6:19

+ 19:22 Иб. 10:1-3

● 20:1 *Так. Шар. 5:6-21*

+ 20:2 Иб. 26:13

+ 20:3 Так. Шар. 32:39, 4 Подш. 17:35, Заб. 80:10

+ 20:4 Иб. 19:4, Иб. 26:1, Так. Шар. 27:15

+ 20:5 Хур. 34:14, Так. Шар. 4:24, Так. Шар. 6:15, Еҳ. 24:19, Наҳум 1:2, Хур. 34:7, Ад. 14:18

+ 20:6 Так. Шар. 5:10, Так. Шар. 7:9

+ 20:7 Иб. 19:12, Иб. 24:10-16

+ 20:8 Ҳас. 2:2, Хур. 31:14-17, Иб. 19:30, Иб. 23:3, Иб. 26:2, Ад. 15:32-36, Марқ. 2:27-28, Луқ. 13:14

+ 20:12 Иб. 19:3, Так. Шар. 27:16, Мат. 15:4, Мат. 19:19, Марқ. 7:10, Марқ. 10:19, Луқ. 18:20, Эфс. 6:2

+ 20:13 Ҳас. 9:6, Иб. 24:17, Мат. 5:21, Мат. 19:18, Марқ. 10:19, Луқ. 18:20, Рум. 13:9, Яъқ. 2:11

+ 20:14 Иб. 18:20, Иб. 20:10, Так. Шар. 22:22, Мас. 6:32, Мат. 5:27, Рум. 13:9

+ 20:15 Иб. 19:11, Мат. 19:18, Рум. 13:9

+ 20:16 Хур. 23:1, Так. Шар. 19:16-20, Мас. 19:5, Мат. 19:18

+ 20:17 Ирм. 5:8, Мат. 5:28, Луқ. 12:15, Рум. 7:7, Рум. 13:9

+ 20:19 Так. Шар. 5:27, Ибр. 12:19

+ 20:25 Так. Шар. 27:5-6, Еҳ. 8:31

+ 21:2 Иб. 25:39-40, Так. Шар. 15:12, Ирм. 34:14

+ 21:6 Так. Шар. 15:16-17

+ 21:10 1 Қӯр. 7:3

+ 21:12 Ҳас. 9:6, Иб. 24:17, Ад. 35:31

+ 21:13 Так. Шар. 19:4-5, Ад. 35:11, Ад. 35:22, Еҳ. 20:3

+ 21:14 3 Подш. 2:28-34

+ 21:16 Так. Шар. 24:7

+ 21:17 Иб. 20:9, Мас. 20:20, Мат. 15:4, Марқ. 7:10

+ 21:25 Иб. 24:19-20, Так. Шар. 19:21, Мат. 5:38

+ 21:28 Ҳас. 9:5

+ 21:30 Ад. 35:31

+ 21:34 Иб. 24:18

+ 22:1 2 Подш. 12:6

+ 22:4 Мас. 6:31

+ 22:11 3 Подш. 8:31, 2 Вак. 6:20, Ибр. 6:16

+ 22:16 Так. Шар. 22:28-29

+ 22:18 Иб. 19:31, Иб. 20:27, Так. Шар. 18:10-12

+ 22:19 Иб. 18:23, Иб. 20:15, Так. Шар. 27:21

+ 22:21 Хур. 23:9, Иб. 19:33, Так. Шар. 24:17

+ 22:22 Так. Шар. 27:19, Иш. 1:17

+ 22:24 Заб. 108:9

+ 22:25 Иб. 25:35-37, Так. Шар. 23:19, Нах. 5:7

+ 22:26 Так. Шар. 24:13

+ 22:28 3 Подш. 21:10, Аъм. 23:5

+ 22:29 Хур. 13:2, Хур. 13:11-16

+ 22:30 Иб. 22:27

+ 22:31 Иб. 7:24, Иб. 22:8

+ 23:1 Хур. 20:16

+ 23:3 Иб. 19:15

+ 23:4 Так. Шар. 22:1

+ 23:6 Хур. 22:21-22, Мас. 22:22

+ 23:7 Иб. 19:16, Так. Шар. 27:25, 3 Подш. 21:1-11, Мас. 17:15, Мас. 24:24, Иш. 5:23

+ 23:8 Так. Шар. 16:19, 1 Подш. 8:3

+ 23:9 Хур. 22:21

+ 23:11 Иб. 25:2-7

+ 23:12 Хур. 20:9-10

+ 23:13 Еҳ. 23:7, Заб. 15:4, Ҳуш. 2:17, Зак. 13:2

+ 23:14 Ад. 28:16-31, Так. Шар. 16:1-17

+ 23:15 Хур. 12:15, Хур. 34:20

+ 23:16 Хур. 34:22, Так. Шар. 16:9, Иб. 23:33-43, Ад. 29:12-39, Так. Шар. 16:13-15, Так. Шар. 31:10-11

+ 23:17 Хур. 34:23

+ 23:19 Хур. 34:26, Так. Шар. 26:2, Хур. 34:26, Иб. 22:28, Так. Шар. 14:21, Так. Шар. 22:6

+ 23:20 Хур. 14:9, Мал. 3:1, Мат. 11:10, Марк. 1:2, Луқ. 7:27

+ 23:22 Ҳас. 12:3, Так. Шар. 30:7

+ 23:23 Хур. 33:2, Так. Шар. 7:1, Еҳ. 3:10

+ 23:24 Хур. 20:5, Ад. 33:52

+ 23:25 Так. Шар. 7:15

+ 23:26 Так. Шар. 7:14

+ 23:27 Так. Шар. 2:25, Так. Шар. 28:7, Еҳ. 2:9

+ 23:28 Так. Шар. 7:20, Еҳ. 24:12

+ 23:29 Так. Шар. 7:22

+ 23:31 Ҳас. 15:18, Ад. 34:1-12, Так. Шар. 11:24, Еҳ. 1:4, Заб. 71:8

+ 23:33 Хур. 34:12, Так. Шар. 7:16, Еҳ. 23:12-13, Дов. 2:3, Заб. 105:36

+ 24:1 Хур. 6:23, Ад. 11:16

+ 24:3 Хур. 19:8

+ 24:8 Зак. 9:11, Марк. 14:24, Ибр. 9:20

+ 24:10 Ҳас. 32:30, Хур. 33:20, Юҳ. 1:18, Ҳиз. 1:26

+ 24:12 3 Подш. 19:11, Хур. 31:18

+ 24:13 Ад. 11:28, Ад. 14:6, Ад. 27:18

+ 24:17 Хур. 24:1, Так. Шар. 4:24, Ибр. 12:29

+ 24:18 Хур. 34:28, 3 Подш. 19:8

● 25:1 *Хур. 35:4-9*

+ 25:8 Иб. 26:11-12, 3 Подш. 6:13, Ҳиз. 37:27

● 25:10 *Хур. 37:1-9*

+ 25:10 Так. Шар. 10:1

+ 25:21 3 Подш. 8:9

+ 25:22 Иб. 16:2, Ад. 7:89, Ад. 17:4

● 25:23 *Хур. 37:10-16*

+ 25:30 Иб. 24:5-9

● 25:31 *Хур. 37:17-24*

+ 25:40 1 Вақ. 28:19

● 26:1 *Хур. 36:8-19*

+ 26:14 Хур. 25:5

● 26:15 *Хур. 36:20-34*

● 26:31 *Хур. 36:35-38*

+ 26:31 Иб. 16:2, 2 Вақ. 3:14, Мат. 27:51, Ибр. 9:3

+ 26:33 3 Подш. 6:16, 2 Вак. 3:8, Марқ. 15:38

● 27:1 *Хур. 38:1-7*

+ 27:2 3 Подш. 1:50, 3 Подш. 2:28

+ 27:3 3 Подш. 7:40, 2 Вак. 4:11

● 27:9 *Хур. 38:9-20*

● 27:20 *Иб. 24:1-4*

+ 27:21 Хур. 33:7

● 28:6 *Хур. 39:1-7*

● 28:15 *Хур. 39:8-21*

+ 28:17 Ҳиз. 28:13, Ваҳй 21:19-20

+ 28:30 Иб. 8:8, Ад. 27:21, Так. Шар. 33:8, 1 Подш. 28:6, Эзр. 2:63, Наҳ. 7:65

● 28:31 *Хур. 39:22-31*

+ 28:36 Зак. 14:20

+ 28:38 Ад. 18:1

+ 28:39 Иб. 16:4, Ҳиз. 44:18

● 29:1 *Иб. 8*

+ 29:2 Иб. 2:4

+ 29:7 Хур. 30:30

+ 29:12 Хур. 27:2

+ 29:13 Иб. 3:3-4

+ 29:14 Иб. 4:11-12, Иб. 16:27

+ 29:18 Иб. 1:9

+ 29:25 Хур. 29:18

+ 29:29 Ад. 20:26

+ 29:33 Иб. 22:10

+ 29:36 Хур. 30:26

+ 29:37 Хур. 30:29, Иб. 6:18

● 29:38 *Ад. 28:1-8*

+ 29:41 Хур. 29:18

+ 29:45 Хур. 25:8

● 30:1 *Хур. 37:25-28*

+ 30:2 Хур. 27:2

+ 30:6 3 Подш. 6:22

+ 30:9 Иб. 10:1

+ 30:10 Иб. 16:34

+ 30:12 Хур. 38:25, Ад. 1:2-4, 2 Подш. 24:15

+ 30:13 Иб. 27:25, Ад. 3:47, Ад. 18:16, Ҳиз. 45:12, Наҳ. 10:32

+ 30:16 Ад. 31:54

● 30:17 *Хур. 40:30-32*

+ 30:18 Хур. 38:8

+ 30:25 Хур. 37:29

+ 30:28 Иб. 8:10-11

+ 30:29 Хур. 29:37, Иб. 6:18

+ 30:30 Хур. 29:7, Иб. 8:10

+ 30:35 Хур. 37:29

● 31:1 *Хур. 35:30-35*

+ 31:3 3 Подш. 7:14

● 31:12 *Хур. 20:8-11*

+ 31:14 Хур. 35:2, Ад. 15:32-36

+ 31:17 Ҳас. 2:22, Хур. 20:8-11

+ 31:18 Хур. 24:12

● 32:1 *Так. Шар. 9:11-19*

+ 32:1 Хур. 24:18, Аъм. 7:40

+ 32:2 Дов. 8:24-27

+ 32:4 3 Подш. 12:28

+ 32:6 1 Қӯр. 10:7

+ 32:9 Так. Шар. 10:16

+ 32:10 Ад. 14:12

+ 32:11 Дон. 9:15

+ 32:13 Ҳас. 22:16-17, Ҳас. 26:4

+ 32:14 Ад. 14:20, 2 Подш. 24:16, Ирм. 18:8, Юн. 3:10

+ 32:20 Так. Шар. 9:21

+ 32:25 Мас. 29:18

+ 32:27 Так. Шар. 13:6-9

+ 32:33 Ҳиз. 18:4, Ҳиз. 18:20

+ 33:2 Хур. 23:23

+ 33:3 Хур. 3:8

+ 33:5 Ад. 16:21

+ 33:7 Хур. 27:21

+ 33:16 Хур. 19:5, Ад. 23:9

+ 33:19 Рум. 9:15

+ 33:20 Ҳас. 32:30, Иш. 6:5, Юҳ. 1:18

● 34:1 *Так. Шар. 10:1-4*

+ 34:2 3 Подш. 19:11

+ 34:3 Хур. 19:12-13

+ 34:6 Ад. 14:17-18, 2 Вак. 30:9, Нах. 9:17, Заб. 85:15, Заб. 102:8, Заб. 110:4, Заб. 111:4, Заб. 114:5, Заб. 144:8, Юил 2:13, Юн. 4:3

+ 34:7 Хур. 20:5-6, Так. Шар. 5:9

+ 34:12 Хур. 23:33

+ 34:13 Хур. 23:24, Так. Шар. 7:5

+ 34:14 Хур. 20:5

+ 34:15 Ад. 25:2

+ 34:16 Так. Шар. 7:3-4, Дов. 3:6, 3 Подш. 11:2-4, 3 Подш. 16:31

+ 34:17 Хур. 20:4

+ 34:18 Хур. 12:14, Иб. 23:6

+ 34:19 Хур. 13:2, Хур. 13:11-16

+ 34:20 Хур. 23:15

+ 34:21 Хур. 20:8-11

+ 34:23 Хур. 23:17

+ 34:25 Хур. 23:18, Так. Шар. 16:4

+ 34:26 Хур. 23:19, Иб. 22:28, Так. Шар. 14:21

+ 34:28 Хур. 24:18

+ 34:29 2 Кӯр. 3:7-18

+ 34:34 2 Кӯр. 3:16

+ 34:35 2 Кӯр. 3:7-18

+ 35:2 Хур. 20:8-11, Хур. 31:14

● 35:4 *Хур. 25:1-7*

+ 35:7 Хур. 25:5

+ 35:23 Хур. 25:5

● 35:30 *Хур. 31:1-6*

● 36:8 *Хур. 26*

+ 36:19 Хур. 25:5

● 37:1 *Хур. 25:10-20*

+ 37:1 Так. Шар. 10:3

● 37:10 *Хур. 25:23-29*

- 37:17 *Хур. 25:31-39*
- 37:25 *Хур. 30:1-5*
- 37:29 Хур. 30:22-25, Хур. 30:34-38
- 38:1 *Хур. 27:1-8*
- 38:8 Хур. 30:18
- 38:9 *Хур. 27:9-19*
- 38:21 Аъм. 7:44, Ваҳй 15:5
- 38:25 Хур. 30:12
- 38:26 Ад. 1:46, Ад. 2:32, Ад. 26:51
- 39:1 *Хур. 28:6-43*
- 39:34 Хур. 25:5
- 40:20 3 Подш. 8:9
- 40:34 Хур. 13:21, Ваҳй 15:8
- 40:36 Ад. 9:17-22

*КИТОБИ СЕЮМИ МУСО*

# ИБОДАТ


1 2 3 4 5 6 7 8 9 10

11 12 13 14 15 16 17 18 19 20

21 22 23 24 25 26 27

## Дар бораи қурбонии сӯхтанӣ.

1 [1] Ва Худованд Мусоро хонд, ва аз хаймаи ҷомеъ ба ӯ сухан
ронда, гуфт:
[2] «Ба банӣ-Исроил сухан ронда, ба онҳо бигӯ: вақте ки касе аз
шумо бихоҳад барои Худованд қурбонӣ кунад, — қурбонии худро аз
чорпоён, яъне аз галаи говон ва аз рамаи гӯсфандон ва бузон тақдим
намояд+.
[3] Агар қурбонии ӯ қурбонии сӯхтание аз гала бошад, бигзор
чорпои нари беайбро тақдим намояд; онро назди дари хаймаи ҷомеъ
тақдим намояд, то ки ба ҳузури Худованд таваҷҷӯҳ ёбад.
[4] Ва дасти худро бар сари қурбонии сӯхтанӣ мемонад, ва ӯ
таваҷҷӯҳ меёбад, то ки гуноҳҳояш кафорат шавад.
[5] Ва гӯсоларо ба ҳузури Худованд забҳ мекунад, ва писарони
Ҳорун, коҳинон, хунро наздик меоваранд, ва хунро бар қурбонгоҳе
ки назди хаймаи ҷомеъ аст, гирдогирд мепошанд.
[6] Ва ӯ қурбонии сӯхтаниро пӯст канда, ба андоми он пора
мекунад.
[7] Ва писарони Ҳоруни коҳии бар қурбонгоҳ оташ гузошта, ҳезум
бар оташ мечинанд.
[8] Ва писарони Ҳорун, коҳинон, ин андом, калла ва чарбуро бар
ҳезуме ки бар оташи рӯи қурбонгоҳ мебошад, мечинанд.
[9] Ва ӯ амъои он ва почаҳои онро бо об мешӯяд, ва коҳин ҳар он
чиро, ки бар қурбонгоҳ мебошад, месӯзонад, — ин қурбонии сӯхтанӣ,
ҳадияи оташин, атри гуворо барои Худованд аст+.
[10] Ва агар қурбонии ӯ аз рама, яъне аз гӯсфандон ё аз бузон бошад,
бигзор барои қурбонии сӯхтанӣ чорпои нари беайбро тақдим
намояд.
[11] Ва онро бар тарафи шимолии қурбонгоҳ ба ҳузури Худованд
забҳ мекунад, ва писарони Ҳорун, коҳинон, хуни онро бар қурбонгоҳ
гирдогирд мепошанд.
[12] Ва ӯ онро ба андоми он пора карда, каллааш ва чарбуяшро ҷудо
мекунад, ва коҳин онҳоро бар ҳезуме ки бар оташи рӯи қурбонгоҳ
мебошад, мечинад.
[13] Ва ӯ амъо ва почаҳоро бо об мешӯяд; ва коҳин ҳамаашро наздик
оварда, бар қурбонгоҳ месӯзонад, — ин қурбонии сӯхтанӣ, ҳадияи

оташин, атри гуворо барои Худованд аст+.
[14] Ва агар қурбонии ӯ барои Худованд, яъне қурбонии сӯхтанӣ аз
парандагон бошад, бигзор қурбонии худро аз фохтаҳо ё аз чӯҷаҳои
кабӯтар тақдим намояд+.
[15] Ва коҳин онро ба қурбонгоҳ наздик оварда, каллаашро
мешиканад, ва бар қурбонгоҳ месӯзонад, пас аз он ки хуни он бар
девори қурбонгоҳ фушурда шавад.
[16] Ва чиғилдонашро бо парҳояш ҷудо мекунад, ва онро назди
қурбонгоҳ, ба тарафи шарқӣ, дар маконе ки хокистар мебошад,
мепартояд.
[17] Ва онро аз миёни болҳояш чок мекунад, вале аз ҳам ҷудо
намекунад, ва коҳин онро бар қурбонгоҳ бар ҳезуме ки бар оташ
мебошад, месӯзонад, — ин қурбонии сӯхтанӣ, ҳадияи оташин, атри
гуворо барои Худованд аст+.

## Дар бораи ҳадияи ордӣ.

**2** 1 Ва агар касе бихоҳад қурбонии ҳадияи ордиро барои
Худованд тақдим намояд, — бигзор орди маҳин қурбонии ӯ
бошад, ва равған бар он бирезад, ва лебӯно бар он бимонад+.
2 Ва онро ӯ ба писарони Ҳорун, коҳинон, мебиёрад, ва коҳин аз он,
яъне аз орди маҳинаш, ва равғанаш, бо тамоми лебӯнояш, як мушти
пур мегирад, ва онро ҳамчун ҳиссаи ёдгорӣ бар қурбонгоҳ
месӯзонад, — ин қурбонии оташин, атри гуворо барои Худованд аст+.
3 Ва он чи аз ҳадияи ордӣ боқӣ мемонад, аз они Ҳорун ва
писаронаш хоҳад буд; ин қудси қудсҳост аз ҳадияҳои оташини
Худованд+.
4 Ва агар қурбонии ҳадияи ордиро аз чизҳои дар танӯр пухташуда
тақдим намоӣ, — қурсҳои фатире биёр, ки барояш орди маҳин бо
равған омехта хамир карда шуда бошад; ё нончаҳои фатири тунуке
биёр, ки баъд аз пухтан равған бар он молида шуда бошад+.
5 Ва агар қурбонии ту ҳадияи ордие бошад, ки бар тоба пухтаӣ, —
барояш бояд орди маҳин бо равған омехта хамир карда шавад, яъне
он бояд фатир бошад+.
6 Онро реза карда, равған бар он бирез; ин ҳадияи ордист.
7 Ва агар қурбонии ту ҳадияи ордие бошад, ки дар дег бирьён
кардаӣ, — он бояд аз орди маҳин бо равған тайёр карда шавад.
8 Ва ҳадияи ордиеро, ки аз ин чизҳо тайёр карда шудааст, барои
Худованд оварда, пеши коҳин мемонӣ, ва ӯ онро назди қурбонгоҳ
меоварад.
9 Ва коҳин аз ҳадияи ордӣ ҳиссаи ёдгории онро бардошта, бар
қурбонгоҳ месӯзонад, — ин қурбонии оташин, атри гуворо барои
Худованд аст+.
10 Ва он чи аз ҳадияи ордӣ боқӣ мемонад, аз они Ҳорун ва
писаронаш хоҳад буд; ин қудси қудсҳост аз ҳадияҳои оташини
Худованд.
11 Ҳеҷ як ҳадияи ордие ки барои Худованд тақдим менамоед,
набояд бо хамиртуруш тайёр карда шавад, зеро ки ҳеҷ як
хамиртуруш ва ҳеҷ як асалро набояд барои Худованд ҳамчун
қурбонии оташин бисӯзонед+.

12 Онҳоро ҳамчун қурбонии навбарҳо метавонед барои Худованд
тақдим намоед, вале онҳо набояд бар қурбонгоҳ барои атри гуворо
бароварда шавад+.
13 Ва ҳар қурбонии ҳадияи ордии худро бо намак намакин бикун,
ва намаки аҳди Худои худро аз ҳадияи ордии худ дур накун; бо ҳар
курбонии худ намак биёр+.
14 Ва ҳангоме ки ҳадияи ордии навбарҳоро барои Худованд
тақдим менамоӣ, — аз хӯшаҳои бар оташ бирьён кардашуда, аз ярмаи
кӯфташуда ҳадияи ордии навбарҳои худро тақдим намо+.
15 Ва равған бар он бирез, ва лебӯно бар он бимон, — ин ҳадияи
ордист.
16 Ва коҳин ҳиссаи ёдгории онро аз ярмаи он ва аз равғани он, бо
тамоми лебӯнои он месӯзонад, — ин қурбонии оташин барои
Худованд аст+.

## Дар бораи қурбонии саломатӣ.

3 [1] Ва агар қурбонии касе забҳи саломатӣ бошад, — агар ӯ аз
говони хоҳ нар ва хоҳ мода тақдим намояд, — бигзор беайби
онҳоро ба ҳузури Худованд тақдим намояд+.
[2] Ва дасти худро бар сари қурбонии худ мемонад, ва онро назди
дари хаймаи ҷомеъ забҳ мекунад; ва писарони Ҳорун, коҳинон,
хунро бар қурбонгоҳ гирдогирд мепошанд.
[3] Ва ӯ аз забҳи саломатӣ инҳоро ҳамчун қурбонии оташин барои
Худованд тақдим менамояд: чарбуе ки амъоро мепӯшонад, ва
тамоми чарбуе ки бар амъо мебошад,
[4] Ва ду гурда, ва чарбуе ки бар онҳо то худи ронҳо мебошад, ва
қабати чарбуе ки бар ҷигар аст, — бигзор онро бо гурдаҳо ҷудо кунад.
[5] Ва писарони Ҳорун онро бар қурбонгоҳ бо қурбонии сӯхтанӣ бар
ҳезуме ки бар оташ мебошад, месӯзонанд, — ин қурбонии оташин,
атри гуворо барои Худованд аст+.
[6] Ва агар қурбонии забҳи саломатии ӯ барои Худованд аз рама
бошад, бигзор чорпои нар ё модаи беайбро тақдим намояд.
[7] Агар ӯ гӯсфанде қурбонӣ кунад, бигзор онро ба ҳузури Худованд
тақдим намояд.
[8] Ва ӯ дасти худро бар сари қурбонии худ мемонад, ва онро назди
хаймаи ҷомеъ забҳ мекунад, ва писарони Ҳорун хуни онро бар
қурбонгоҳ гирдогирд мепошанд.
[9] Ва аз забҳи саломатӣ инҳоро ҳамчун қурбонии оташин барои
Худованд тақдим менамояд: чарбуи он, тамоми думбаи он, ки то
худи думғоза ҷудо карда шуда бошад, ва чарбуе ки амъоро
мепӯшонад, ва тамоми чарбуе ки бар амъо мебошад.
[10] Ва ду гурда ва чарбуе ки бар онҳо ва бар ронҳо мебошад, ва
қабати чарбуе ки бар ҷигар аст, — бигзор онро бо гурдаҳо ҷудо кунад.
[11] Ва коҳин онро бар қурбонгоҳ месӯзонад, — ин хӯроки қурбонии
оташин аст барои Худованд+.
[12] Ва агар қурбонии ӯ буз бошад, бигзор онро ба ҳузури Худованд
тақдим намояд.
[13] Ва ӯ дасти худро бар сари он мемонад, ва онро назди хаймаи
ҷомеъ забҳ мекунад, ва писарони Ҳорун хуни онро бар қурбонгоҳ
гирдогирд мепошанд.

14 Ва қурбонии худро, ҳамчун қурбонии оташин барои Худованд,
аз он тақдим менамояд: чарбуе ки амъоро мепӯшонад, ва тамоми
чарбуе ки бар амъо мебошад,
15 Ва ду гурда, ва чарбуе ки бар онҳо ва бар ронҳо мебошад, ва
қабати чарбуе ки бар ҷигар аст, — бигзор онро бо гурдаҳо ҷудо кунад.
16 Ва коҳин онҳоро бар қурбонгоҳ месӯзонад, — ин хӯроки
қурбонии оташин барои атри гуворост; тамоми чарбу аз они
Худованд аст+.
17 Қонуни абадӣ барои ҳамаи наслҳои шумо дар ҳамаи масканҳои
шумо ин аст, ки ҳеҷ чарбу ва ҳеҷ хунро нахӯред»+.

## Дар бораи қурбонии гуноҳ.

4 1 Ва Худованд ба Мусо сухан ронда, гуфт:
2 «Ба банӣ-Исроил сухан ронда, бигӯ: агар касе дар ҳар кадом
аҳкоми наҳйи Худованд саҳван гуноҳ карда, бар хилофи яке аз онҳо
амал намояд,+
3 Агар коҳини тадҳиншуда гуноҳе карда, сабаби гуноҳкор шудани
қавм гардида бошад, — бигзор барои гуноҳе ки кардааст, гӯсолаи
беайберо аз галаи говон барои қурбонии гуноҳ ба Худованд тақдим
намояд.
4 Ва он гӯсоларо назди дари хаймаи ҷомеъ ба ҳузури Худованд
мебиёрад, ва дасти худро бар сари гӯсола мемонад, ва гӯсоларо ба
хузури Худованд забҳ мекунад;
5 Ва коҳини тадҳиншуда аз хуни гӯсола мегирад, ва онро ба
хаймаи ҷомеъ дохил мекунад.
6 Ва коҳин ангушти худро дар хун меғӯтонад, ва аз хун ба ҳузури
Худованд ҳафт карат пеши пардаи қудс мепошад.
7 Ва коҳин аз он хун бар шохҳои қурбонгоҳи бухури муаттар, ки ба
ҳузури Худованд дар хаймаи ҷомеъ аст, мемолад, ва тамоми бақияи
хуни гӯсоларо бар буньёди қурбонгоҳи қурбонии сӯхтанӣ, ки назди
дари хаймаи ҷомеъ аст, мерезад;+
8 Ва тамоми чарбуи гӯсолаи қурбонии гуноҳро бигзор аз он
бардорад: чарбуе ки амъоро мепӯшонад, ва тамоми чарбуе ки бар
амъо мебошад,
9 Ва ду гурда ва чарбуе ки бар онҳо то худи ронҳо мебошад, ва
қабати чарбуе ки бар ҷигар аст, — онро бо гурдаҳо чудо мекунад, —
10 Чунон ки он аз гови забҳи саломатӣ ҷудо карда мешавад; ва
коҳин онҳоро бар қурбонгоҳи қурбонии сӯхтанӣ месӯзонад.
11 Ва пӯсти гӯсола, ва тамоми гӯшти он бо каллааш ва почаҳояш ва
амъояш ва саргинаш, —+
12 Яъне тамоми гӯсоларо бояд ба беруни ӯрдугоҳ, ба макони пок,
ки он ҷо хокистарро мерезанд, бибарад, ва онро бар ҳезум дар оташ
бисӯзонад; дар маконе ки хокистарро мерезанд, бигзор сӯзонида
шавад.
13 Ва агар тамоми ҷамоати Исроил саҳван гуноҳ кунанд, ва ин кор
аз чашмони ҷамоат пӯшида бошад, яъне агар бар хилофи ягон

аҳкоми наҳйи Худованд амал карда гуноҳкор шаванд,+
[14] Ва гуноҳе ки кардаанд, баъдтар ошкор гардад, — бигзор ҷамоат
гӯсолае аз галаи говон барои қурбонии гуноҳ тақдим намоянд, ва
онро назди хаймаи ҷомеъ биёранд.
[15] Ва пирони ҷамоат дастҳои худро бар сари гӯсола ба ҳузури
Худованд мемонанд, ва гӯсоларо ба ҳузури Худованд забҳ мекунанд.
[16] Ва коҳини тадҳиншуда аз хуни гӯсола ба хаймаи ҷомеъ дохил
мекунад.
[17] Ва коҳин ангушташро дар хун ғӯтонида, онро ба ҳузури
Худованд ҳафт карат пеши парда мепошад;+
[18] Ва аз он хун бар шоххҳои қурбонгоҳ, ки ба ҳузури Худованд дар
хаймаи ҷомеъ мебошад, мемолад, ва тамоми бақияи хунро бар
буньёди қурбонгоҳи қурбонии сӯхтанӣ, ки назди дари хаймаи ҷомеъ
аст, мерезад;
[19] Ва тамоми чарбуи онро аз он бардошта, бар қурбонгоҳ
месӯзонад;
[20] Ва бо ин гӯсола ончунон амал мекунад, ки бо гӯсолаи қурбонии
гуноҳ амал кард; бо он бояд ҳамин тавр амал кунад, то ки коҳин
гуноҳи онҳоро кафорат намояд, ва онҳо омурзида хоҳанд шуд.
[21] Ва гӯсоларо аз ӯрдугоҳ берун бароварда, онро месӯзонад, чунон
ки гӯсолаи аввалро сӯзонид. Ин қурбонии гуноҳи ҷамоат аст.
[22] Агар раис гуноҳ кунад, яъне бар хилофи ягон аҳкоми наҳйи
Худованд Худои худ саҳван амал карда, гуноҳкор шавад,
[23] Ва гуноҳе ки кардааст, баъдтар ба ӯ ошкор гардад, — бигзор
нарбузи беайбе барои қурбонӣ тақдим намояд.
[24] Ва ӯ дасти худро бар сари нарбуз мемонад, ва онро дар маконе
ки қурбонии сӯхтанӣ забҳ мекунанд, ба ҳузури Худованд забҳ
менамояд. Ин қурбонии гуноҳ аст.
[25] Ва коҳин аз хуни қурбонии гуноҳ бо ангушти худ гирифта, бар
шоххҳои қурбонгоҳи қурбонии сӯхтанӣ мемолад, ва бақияи хуни онро
бар буньёди қурбонгоҳи қурбонии сӯхтанӣ мерезад;
[26] Ва тамоми чарбуи онро, мисли чарбуи забҳи саломатӣ, бар
қурбонгоҳ месӯзонад; ва коҳин гуноҳи ӯро ҳамин тавр кафорат
менамояд, ва ӯ омурзида хоҳад шуд.
[27] Агар касе аз миёни авом саҳван гуноҳ кунад, яъне бар хилофи
ягон аҳкоми наҳйи Худованд амал карда, гуноҳкор шавад,+

[28] Ва гуноҳе ки кардааст, баъдтар ба ӯ ошкор гардад, — бигзор
барои қурбонии худ ба сабаби гуноҳе ки кардааст, модабузи беайбе
тақдим намояд.
[29] Ва ӯ дасти худро бар сари қурбонии гуноҳ мемонад, ва ин
қурбонии гуноҳро дар маконе ки қурбонии сӯхтанӣ забҳ мекунанд,
забҳ менамояд.
[30] Ва коҳин аз хуни он бо ангушти худ гирифта, бар шохҳои
қурбонгоҳи қурбонии сӯхтанӣ мемолад, ва тамоми бақияи хуни
онро бар буньёди қурбонгоҳ мерезад;
[31] Ва тамоми чарбуи онро ҷудо мекунад, чунон ки чарбуи забҳи
саломатӣ ҷудо карда мешавад; ва коҳин онро бар қурбонгоҳ ҳамчун
атри гуворо барои Худованд месӯзонад; ва коҳин гуноҳи ӯро кафорат
менамояд, ва ӯ омурзида хоҳад шуд+.
[32] Ва агар ӯ бихоҳад гӯсфанде барои қурбонии гуноҳи худ тақдим
намояд, бояд меши беайбе тақдим намояд.
[33] Ва ӯ дасти худро бар сари ин қурбонии гуноҳ мемонад, ва онро
ҳамчун қурбонии гуноҳ дар маконе ки қурбонии сӯхтанӣ забҳ
мекунанд, забҳ менамояд.
[34] Ва коҳин аз хуни ин қурбонии гуноҳ бо ангушти худ гирифта,
бар шохҳои қурбонгоҳи қурбонии сӯхтанӣ мемолад, ва тамоми
бақияи хуни онро бар буньёди қурбонгоҳ мерезад.
[35] Ва тамоми чарбуи онро ҷудо мекунад, чунон ки чарбуи гӯсфанд
аз забҳи саломатӣ ҷудо карда мешавад, ва коҳин онро бар қурбонгоҳ
ҳамчун қурбонии оташин барои Худованд месӯзонад; ва коҳин
гуноҳи ӯро, ки кардааст, кафорат менамояд, ва ӯ омурзида хоҳад
шуд.

## Дар бораи қурбонии ҷурм.

5 [1] Агар касе дар он хусус гуноҳ кунад, ки овози қасамро
шунидааст, ва шоҳиди он мебошад, яъне ё дидааст ва ё хабардор
шудааст, валекин хабар надодааст, — ӯ барои ин гуноҳаш ҷазо хоҳад
ёфт.
[2] Ё касе ки ба ҳар чизи наҷис, — хоҳ ба лошаи ҳайвони наҷис, хоҳ
ба лошаи чорпои наҷис, хоҳ ба лошаи ҳашароти наҷис — бирасад, ва
ин аз ӯ пӯшида бошад, вале ӯ наҷис ва муҷрим гардидааст;+
[3] Ё ба наҷосати одамизод, — ба ҳар наҷосате ки кас аз он наҷис
мешавад, — бирасад, ва ин аз ӯ пӯшида бошад, вале баъдтар ба ӯ
маълум шуда, ӯ муҷрим гардидааст;+
[4] Ё касе ки бо даҳонаш барои кардани кори баде ё кори неке
бемулоҳиза қасам хӯрдааст, — дар ҳар чизе ки одамизод бемулоҳиза
қасам мехӯрад, — ва ин аз ӯ пӯшида бошад, вале баъдтар ин ба ӯ
маълум шуда, ӯ дар яке аз инҳо муҷрим гардидааст, —+
[5] Пас, дар сурате ки ӯ дар яке аз инҳо муҷрим гардидааст, бигзор
ба гуноҳе ки кардааст, иқрор шавад,
[6] Ва қурбонии ҷурми худро барои гуноҳе ки кардааст, ба Худованд
тақдим намояд, яъне аз рамаи бузу гӯсфандон чорпои модаеро
ҳамчун қурбонии гуноҳ биёрад, ва коҳин гуноҳи ӯро кафорат хоҳад
кард.
[7] Ва агар баррае барои ӯ дастрас набошад, бигзор ҳамчун
қурбонии ҷурми худ барои гуноҳе ки кардааст, ду фохта ё ду ҷӯҷаи
кабӯтарро ба Худованд тақдим намояд: яке — барои қурбонии гуноҳ,
ва дигаре — барои қурбонии сӯхтанӣ+.
[8] Ва ӯ онҳоро назди коҳин мебиёрад, ки вай ҳамонро, ки барои
қурбонии гуноҳ аст, аввал тақдим намуда, каллаашро аз пушти
гарданаш мешиканад, вале ҷудо намекунад;
[9] Ва аз хуни қурбонии гуноҳ бар девори қурбонгоҳ мемолад, ва
бақияи хун бигзор бар буньёди қурбонгоҳ фушурда шавад. Ин
қурбонии гуноҳ аст.
[10] Ва дигарашро барои қурбонии сӯхтанӣ, бар тибқи дастур, ба кор
мебарад; ва коҳин гуноҳи ӯро, ки кардааст, кафорат менамояд, ва ӯ
омурзида хоҳад шуд.

[11] Ва агар ду фохта ё ду чӯҷаи кабӯтар барои ӯ дастрас набошад,
бигзор ҳамчун қурбонии худ барои гуноҳе ки кардааст, ба қадри
даҳьяки эфа орди маҳин барои қурбонии гуноҳ биёрад; бигзор
равған бар он нарезад, ва лебӯно бар он намонад, зеро ки ин
қурбонии гуноҳ аст+.
[12] Ва онро назди коҳин мебиёрад; ва коҳин як мушт аз он ҳамчун
ҳиссаи ёдгорӣ мегирад, ва бар қурбонгоҳ ҳамчун қурбонии оташини
Худованд месӯзонад. Ин қурбонии гуноҳ аст.
[13] Ва коҳин гуноҳеро, ки он мард дар яке аз ин мавридҳо кардааст,
кафорат менамояд, ва ӯ омурзида хоҳад шуд; ва бақияи он ҳамчун
ҳадияи ордӣ аз они коҳин хоҳад буд»+.
[14] Ва Худованд ба Мусо сухан ронда, гуфт:
[15] «Агар касе хиёнат намуда, саҳван дар ҳаққи чизҳои муқаддаси
Худованд гуноҳ кунад, бигзор ҳамчун курбонии ҷурми худ аз рама,
дар асоси қиматдиҳии ту бо сиқлҳои нуқра, мувофиқи сиқли
муқаддас, қӯчқори беайбе барои қурбонии ҷурм ба Худованд тақдим
намояд;+
[16] Ва ӯ бояд товони чизи муқаддасеро, ки дар ҳаққи он гуноҳ
кардааст, адо намояд, ба тавре ки панҷьяки қимати онро бар он
илова кунад, ва онро ба коҳин бидиҳад; ва коҳин гуноҳи ӯро ба
воситаи қӯчқори қурбонии ҷурм кафорат менамояд, ва ӯ омурзида
хоҳад шуд+.
[17] Ва агар касе гуноҳ кунад, яъне бар хилофи яке аз аҳкоми наҳйи
Худованд амал кунад, вале инро надонад, — ӯ муҷрим аст, ва барои
гуноҳаш ҷазо хоҳад ёфт;
[18] Ва бигзор аз рама, дар асоси қиматдиҳии ту, қӯчқори беайбе
барои қурбонии ҷурм назди коҳин биёрад; ва коҳин саҳверо, ки ӯ
кардааст, вале надонистааст, кафорат менамояд, ва ӯ омурзида хоҳад
шуд.
[19] Ин қурбонии ҷурмест, ки ба воситаи он ӯ ба ҳузури Худованд
муҷрим гардидааст».

## Боз дар бораи қурбонии ҷурм.

6 [1] Ва Худованд ба Мусо сухан ронда, гуфт:
[2] «Агар касе гуноҳ кунад, ва дар ҳаққи Худованд хиёнат
намояд, ва ба ёри худ дар бобати амонат, ё гарав, ё моли дуздӣ
мункир шавад, ё ёри худро фиреб кунад,+
[3] Ё чизи гумшударо ёфта, дар ин бобат мункир шавад, ва қасами
дурӯғ хӯрад дар яке аз корҳое ки одамизод карда, дар онҳо гуноҳкор
мешавад, —
[4] Пас, модоме ки ӯ гуноҳ карда, муҷрим гардидааст, ӯ бояд он
чиро, ки дуздидааст, ё он чиро, ки бо роҳи фиреб ба даст овардааст, ё
он чиро, ки назди ӯ амонат гузошта шудааст, ё чизи гумшударо, ки
ёфтааст, баргардонад.
[5] Қимати ҳар он чиро, ки дар бораи он қасами дурӯғ хӯрдааст, ӯ
бояд пурра адо кунад, ва панҷьяки он қиматро бар он илова намуда,
ба соҳиби он бидиҳад, дар рӯзе ки қурбонии ҷурми худро тақдим
менамояд+.
[6] Ва барои қурбонии ҷурми худ бигзор ба Худованд қӯчқори
беайбе аз рама, мувофиқи қиматдиҳии ту, ҳамчун қурбонии ҷурм
назди коҳин биёрад.
[7] Ва коҳин гуноҳи ӯро ба ҳузури Худованд кафорат менамояд, ва ӯ
дар ҳар коре ки карда муҷрим гардидааст, омурзида хоҳад шуд».

## Дар бораи қурбонии сӯхтанӣ.

[8] Ва Худованд ба Мусо сухан ронда, гуфт:
[9] «Ба Ҳорун ва писаронаш амр фармуда, бигӯ: ин аст қонуни
қурбонии сӯхтанӣ: бигзор қурбонии сӯхтанӣ тамоми шаб то субҳ бар
оташдони қурбонгоҳ бошад, ва оташи қурбонгоҳ бар он бисӯзад+.
[10] Ва бигзор коҳин пероҳани катони худро бипӯшад, ва эзори
катоне бар бадани худ бипӯшад, ва хокистари қурбонии сӯхтаниро,
ки оташ бар қурбонгоҳ сӯзонидааст, бардорад, ва онро назди
қурбонгоҳ бимонад;+
[11] Ва либосҳои худро кашида, либосҳои дигар бипӯшад, ва
хокистарро берун аз ӯрдугоҳ ба макони поке барорад+.
[12] Ва оташе ки бар қурбонгоҳ аст, бигзор фурӯзон буда, хомӯш
нашавад; ва бигзор коҳин бар он ҳар субҳ ҳезум бисӯзонад, ва

қурбонии сӯхтаниро бар он бимонад, ва чарбуи забҳи саломатиро бар он бисӯзонад+.
13 Оташи доимӣ бигзор бар қурбонгоҳ фурӯзон буда, хомӯш нашавад.

## Дар бараи ҳадияи ордӣ.

14 Ва ин аст қонун дар бораи ҳадияи ордӣ: писарони Ҳорун бояд онро ба ҳузури Худованд бар қурбонгоҳ тақдим намоянд+.
15 Ва бигзор коҳин аз он як мушт аз орди маҳини ҳадияи ордӣ ва аз равғанаш бо тамоми лебӯное ки бар ҳадияи ордӣ мебошад, бардорад, ва бар қурбонгоҳ бисӯзонад; ин атри гуворост барои ёдгорӣ ба ҳузури Худованд.
16 Он чи аз он боқӣ мемонад, бигзор Ҳорун ва писаронаш бихӯранд; он бояд бе хамиртуруш дар макони муқаддас хӯрда шавад; дар саҳни хаймаи ҷомеъ бигзор онро бихӯранд.
17 Он набояд бо хамиртуруш пухта шавад; онро аз ҳадияҳои оташини Худ ҳамчун ҳиссаи онҳо додаам. Он мисли қурбонии гуноҳ ва қурбонии ҷурм қудси қудсҳо мебошад+.
18 Ҳар мардина аз миёни писарони Ҳорун метавонад онро бихӯрад, — ин фаризаи абадӣ барои наслҳои шумо аз ҳадияҳои оташини Худованд мебошад; ҳар кӣ ба онҳо бирасад, тақдис хоҳад ёфт»+.
19 Ва Худованд ба Мусо сухан ронда, гуфт:
20 «Ин аст қурбонии Ҳорун ва писаронаш, ки бояд дар рӯзи тадҳин шудани худ ба Худованд тақдим намоянд: даҳьяки эфа аз орди маҳин барои ҳадияи ордии доимӣ; нисфаш барои субҳ ва нисфаш барои шом.
21 Он бояд бар тоба бо равған тайёр карда шавад; онро бо оби ҷӯш омехта, ҳамчун ҳадияи ордии иборат аз нончаҳои бирьён биёр; барои атри гуворо ба Худованд тақдим намо+.
22 Ва коҳини тадҳиншуда, ки дар ҷои ӯ аз писаронаш хоҳад буд, инро бояд ба амал оварад; ин фаризаи абадист: он бояд комилан барои Худованд сӯзонида шавад+.
23 Ва ҳар ҳадияи ордии коҳин бояд комилан сӯзанда бошад, яъне хӯрда нашавад».

## Дар бораи қурбонии гуноҳ.

24 Ва Худованд ба Мусо сухан ронда, гуфт:
25 «Ба Ҳорун ва писаронаш бигӯ: Ин аст қонун дар бораи қурбонии
гуноҳ: дар маконе ки қурбонии сӯхтанӣ забҳ карда мешавад,
қурбонии гуноҳ низ бояд ба ҳузури Худованд дар он ҷо забҳ карда
шавад; ин қудси қудсҳост+.
26 Коҳине ки қурбонии гуноҳро ба амал меоварад, метавонад онро
бихӯрад; он бояд дар макони муқаддас, дар саҳни хаймаи ҷомеъ
хӯрда шавад.
27 Ҳар чизе ки ба гӯшти он мерасад, тақдис меёбад; ва агар хуни он
бар либосе пошида шавад, он чиро, ки бар он пошида шудааст, дар
макони муқаддас бишӯй.
28 Ва зарфи сафолине ки қурбонии гуноҳ дар он пухта шудааст,
бояд шикаста шавад; ва агар он дар зарфи мисин пухта шуда бошад,
он зарф бояд сайқал дода ва бо об шуста шавад+.
29 Ҳар мардина аз миёни коҳинон метавонад онро бихӯрад; ин
қудси қудсҳост.
30 Вале ҳар қурбонии гуноҳ, ки хунаш ба хаймаи ҷомеъ дароварда
мешавад, то ки дар қудс кафорат намояд, набояд хӯрда шавад; он
бояд дар оташ сӯзонида шавад+.

## Қонун дар бораи қурбонии ҷурм.

7 [1] Ва ин аст қонуни қурбонии ҷурм: ин қудси қудсҳост+.
[2] Дар маконе ки қурбонии сӯхтаниро забҳ мекунанд, қурбонии
ҷурмро низ бояд дар он ҷо забҳ кунанд; ва хуни он бояд бар
қурбонгоҳ гирдогирд пошида шавад.
[3] Ва аз он ӯ тамоми чарбуяшро тақдим менамояд: дунба ва чарбуе
ки амъоро мепӯшонад,
[4] Ва ду гурда ва чарбуе ки бар онҳо то худиронҳо мебошад, ва
қабати чарбуе ки бар ҷигар аст, — бигзор онро бо гурдаҳо ҷудо кунад.
[5] Ва коҳин онҳоро бар қурбонгоҳ ҳамчун қурбонии оташин барои
Худованд месӯзонад. Ин қурбонии ҷурм аст.
[6] Ҳар мардина аз миёни коҳинон онро метавонад бихӯрад; он бояд
дар макони муқаддас хӯрда шавад. Ин қудси қудсҳост.
[7] Қурбонии гуноҳ монанди қурбонии ҷурм аст, яъне қонуни онҳо
як аст: он аз они коҳинест, ки ба воситаи он кафорат менамояд+.
[8] Ва коҳине ки қурбонии сӯхтании касеро тақдим менамояд,
пӯсти он қурбонии сӯхтание ки ӯ тақдим намудааст, аз они ҳамин
коҳин хоҳад буд.
[9] Ва ҳар ҳадияи ордӣ, ки дар танӯр пухта шудааст, ва ҳар он чи дар
дег ва бар тоба тайёр карда шудааст, аз они коҳине ки онро тақдим
менамояд, хоҳад буд+.
[10] Ва ҳар ҳадияи ордӣ, хоҳ бо равған омехта, хоҳ хушк бошад, аз
они тамоми банӣ-Ҳорун хоҳад буд, бе он ки аз якдигар тафовуте
дошта бошанд+.

## Қонун дар бораи забҳи саломатӣ.

[11] Ва ин аст қонуни забҳи саломатӣ, ки ба Худованд тақдим карда
мешавад+.
[12] Агар касе онро барои шукрона тақдим намояд, ӯ бояд бо забҳи
шукрона қурсҳои фатири бо равған омехташуда, ва нончаҳои тунуки
фатири равған молидашуда, ва аз орди маҳине ки бо оби ҷӯш
омехтааст, қурсҳои бо равған омехташуда тақдим намояд;+
[13] Қурбонии худро ҳамроҳи забҳи шукронаи саломатии худ ӯ бояд
бо қурсҳои нони хамиртурушдор тақдим намояд.

14 Ва аз он якеро аз ҳар қурбонӣ ҳамчун ҳадия барои Худованд
тақдим менамояд; ин аз они коҳине ки хуни забҳи саломатиро
мепошад, хоҳад буд.
15 Ва гӯшти забҳи шукронаи саломатии ӯ бояд дар рӯзи қурбонӣ
шуданаш хӯрда шавад; аз он то субҳ набояд боқӣ гузошта шавад+.
16 Ва агар забҳи қурбонии ӯ аз рӯи назр ё хайрот бошад, забҳи ӯ
бояд дар рӯзи қурбонӣ шуданаш хӯрда шавад; ва бақияи онро рӯзи
дигар хӯрдан мумкин аст+.
17 Ва он чи аз гӯшти он забҳ боқӣ монда бошад, бояд дар рӯзи сеюм
дар оташ сӯзонида шавад.
18 Ва агар аз гӯшти забҳи саломатии ӯ дар рӯзи сеюм хӯрда шавад,
он сазовори таваҷҷӯҳ нахоҳад буд, ва барои касе ки онро қурбонӣ
кардааст, ба ҳисоб оварда нахоҳад шуд; он наҷис аст, ва ҳар кӣ аз он
бихӯрад, барои гуноҳаш ҷазо хоҳад ёфт.
19 Ва гӯшти он, агар ба ягон чизи наҷис бирасад, набояд хӯрда
шавад, балки бояд дар оташ сӯзонида шавад; ва гӯшти покро ҳар каси
пок метавонад бихӯрад.
20 Вале агар касе аз гӯшти забҳи саломатӣ, ки барои Худованд аст,
бихӯрад, дар ҳолате ки наҷосати ӯ бар ӯ бошад, он кас аз миёни
қавми худ маҳв хоҳад шуд+.
21 Ва агар касе ба ҳар чизи наҷис, хоҳ ба наҷосати одамизод, хоҳ ба
чорпои наҷис, хоҳ ба ҳар чизи зишти наҷис бирасад, ва аз гӯшти
забҳи саломатӣ, ки барои Худованд аст, бихӯрад, — он кас аз миёни
қавми худ маҳв хоҳад шуд».
22 Ва Худованд ба Мусо сухан ронда, гуфт:
23 «Ба банӣ-Исроил сухан ронда, бигӯ: хеҷ як чарбуи гов ва
гӯсфанд ва бузро нахӯред,+
24 Ва чарбуи чорпои мурда ва чарбуи чорпои даридашударо барои
ҳар кор истеъмол кардан мумкин аст, вале ба ҳеҷ ваҷҳ онро
нахӯред+.
25 Зеро ҳар кӣ чарбуи чорпоеро, ки аз он қурбонии оташин барои
Худованд тақдим карда мешавад, бихӯрад, — он касе ки хӯрда бошад,
аз миёни қавми худ маҳв хоҳад шуд.
26 Ва ҳеҷ хунро, — хоҳ аз они паранда бошад, хоҳ аз они чорпо, —
дар масканҳои худ нахӯред+.

27 Ҳар кӣ ҳар гуна хунро бихӯрад, — он кас аз миёни қавми худ
маҳв хоҳад шуд».
28 Ва Худованд ба Мусо сухан ронда, гуфт:
29 «Ба банӣ-Исроил сухан ронда, бигӯ: ҳар кӣ забҳи саломатии
худро барои Худованд тақдим менамояд, ӯ бояд қурбонии худро аз
забҳи саломатии худ барои Худованд биёрад.
30 Бо дастҳои худ ӯ бояд қурбонии оташинро барои Худованд
биёрад, чарбуро бо сина бояд биёрад, то ки он синаро ба ҳузури
Худованд биҷунбонад.
31 Ва коҳин чарбуро бар қурбонгоҳ месӯзонад, ва сина аз они
Ҳорун ва писаронаш хоҳад буд+.
32 Ва соқи ростро ҳамчун пешкаши муқаддас аз забҳҳои саломатии
худ ба коҳин бидиҳед.
33 Ҳар кӣ аз писарони Ҳорун хуни қурбонии саломатӣ ва чарбуро
тақдим менамояд, соқи рост ҳиссаи ӯ хоҳад буд.
34 Зеро ки Ман синаи ҷунбониданӣ ва соқи пешкашро аз банӣ-
Исроил, аз забҳҳои саломатии онҳо гирифтам, ва онҳоро ба Ҳоруни
коҳин ва писаронаш ба фаризаи абадӣ аз ҷониби банӣ-Исроил
додам».
35 Ин аст насибаи тадҳини Ҳорун ва насибаи тадҳини писаронаш
аз қурбониҳои оташини Худованд дар рӯзе ки онҳо наздик оварда
шуданд, то ки барои Худованд каҳонат кунанд,
36 Ки ба онҳо додани онро Худованд амр фармуд, дар рӯзе ки
онҳоро аз миёни банӣ-Исроил тадҳин намуд. Ин фаризаи абадӣ дар
наслҳои онҳост.
37 Ин аст қонуни қурбонии сӯхтанӣ, ҳадияи ордӣ, қурбонии гуноҳ,
қурбонии ҷурм, қурбонии гумоштанӣ ва забҳи саломатӣ,
38 Ки Худованд ба Мусо дар кӯҳи Сино амр фармуда буд, дар рӯзе
ки ба банӣ-Исроил дар биёбони Сино амр фармуд, ки қурбониҳои
худро барои Худованд тақдим намоянд.

## Дар бораи тақдиси коҳинон.

8 [1] •Ва Худованд ба Мусо сухан ронда, гуфт:
[2] «Ҳорун, ва писаронашро бо ӯ, ва либосҳо, ва равғани тадҳин,
ва гӯсолаи қурбонии гуноҳ, ва ду қӯчқор, ва сабади фатирҳоро бигир,
[3] Ва тамоми ҷамоатро назди дари хаймаи ҷомеъ ҷамъ кун».
[4] Ва Мусоончунон ки Худованд ба ӯ амр фармуд, ба амал овард, ва
ҷамоат назди дари хаймаи ҷомеъ ҷамъ шуданд.
[5] Ва Мусо ба ҷамоат гуфт: «Ин аст он чи Худованд амр фармудааст,
ки ба ҷо оварда шавад».
[6] Ва Мусо Ҳорун ва писаронашро наздик овард, ва онҳоро дар об
ғусл дод.

## Дар бораи либоси саркоҳин.

[7] Ва пероханро бар ӯ гузошт, ва камарашро бо камарбанд баст, ва
ридоро бар ӯ пӯшонид, ва эфӯдро бар ӯ гузошт, ва камарашро бо
тасмаи эфӯд баста, эфӯдро ба воситаи он бар ӯ мустаҳкам намуд.
[8] Ва синабандро бар ӯ гузошт, ва урим ва туммимро бар синабанд
монд+.
[9] Ва аммомаро бар сари ӯ гузошт, ва бар аммома, аз пеш, лавҳаи
тилло, яъне афсари муқаддасро ниҳод, чунон ки Худованд ба Мусо
амр фармуда буд+.

## Дар бораи тадҳини саркоҳин.

[10] Ва Мусо равғани тадҳинро гирифт, ва маскан ва он чиро, ки дар
он буд, тадҳин намуд, ва онҳоро тақдис кард+.
[11] Ва аз он бар қурбонгоҳ ҳафт карат пошид, ва қурбонгоҳ ва
тамоми колояш, ва лаган ва пояашро тадҳин намуд, то ки онҳоро
тақдис кунад.
[12] Ва аз равғани тадҳин бар сари Ҳорун рехта, ӯро тадҳин намуд,
то ки ӯро тақдис кунад+.

## Дар бораи либосҳои коҳинон.

[13] Ва Мусо писарони Ҳорунро наздик овард, ва бар онҳо
пероҳанҳоро пӯшонид, ва камарбандҳоро бар камари онҳо баст, ва

кулоҳҳоро бар сари онҳо ниҳод, чунон ки Худованд ба Мусо амр фармуда буд.

## Дар бораи тақдим кардани қурбониҳо.

14 Ва гӯсолаи қурбонии гуноҳро овард, ва Ҳорун ва писаронаш
дастҳои худро бар сари гӯсолаи қурбонии гуноҳ монданд,
15 Ва онро забҳ кард, ва Мусо хунро гирифт, ва бар шохҳои
қурбонгоҳ гирдогирд бо ангушташ молид, ва қурбонгоҳро татҳир
намуд, ва хунро бар буньёди қурбонгоҳ рехта, онро тақдис кард, то
ки барояш кафорат намояд+.
16 Ва тамоми чарбуеро, ки бар амъо буд, ва қабати чарбуеро, ки
бар ҷигар буд, ва ду гурда ва чарбуи онҳоро гирифт, ва Мусо онҳоро
бар қурбонгоҳ сӯзонид+.
17 Ва гӯсола ва пӯсташ ва гӯшташ ва саргинашро берун аз ӯрдугоҳ
дар оташ сӯзонид, чунон ки Худованд ба Мусо амр фармуда буд+.
18 Ва қӯчқори қурбонии сӯхтаниро наздик овард, ва Ҳорун ва
писаронаш дастҳои худро бар сари қӯчқор монданд.
19 Ва онро забҳ кард, ва Мусо хунро бар қурбонгоҳ гирдогирд
пошид.
20 Ва қӯчқорро ба андоми он пора кард, ва Мусо калла ва андом ва
чарбуро сӯзонид.
21 Ва амъо ва почаҳоро бо об шуст; ва Мусо тамоми қӯчқорро бар
қурбонгоҳ сӯзонид: ин қурбонии сӯхтанӣ ҳамчун атри гуворо ва
қурбонии оташин барои Худованд буд, чунон ки Худованд ба Мусо
амр фармуда буд+.
22 Ва қӯчқори дуюмро, ки қӯчқори гумоштанӣ ба шумор мерафт,
наздик овард, ва Ҳорун ва писаронаш дастҳои худро бар сари қӯчқор
монданд.

## Дар бораи истеъмоли хун.

23 Ва онро забҳ кард, ва Мусо аз хуни он гирифт, ва бар нармаи
гӯши рости Ҳорун, ва бар нарангушти дасти рости ӯ, ва бар
нарангушти пои рости ӯ молид+.
24 Ва писарони Ҳорунро наздик овард, ва Мусо аз он хун бар
нармаи гӯши рости онҳо, ва бар нарангушти дасти рости онҳо, ва бар

нарангушти пои рости онҳо молид; ва Мусо он хунро бар қурбонгоҳ гирдогирд пошид.
25 Ва чарбу ва дунба, ва тамоми чарбуеро, ки бар амъо буд, ва
қабати чарбуеро, ки бар ҷигар буд, ва ду гурда ва чарбуи онҳо, ва
соқи ростро гирифт;
26 Ва аз сабади фатирҳое ки ба ҳузури Худованд буд, як қурси
фатир, ва як қурси нони равғанин, ва як нончаи тунукро гирифта,
бар чарбу ва бар соқи рост монд.
27 Ва ҳамаи инро бар кафҳои Ҳорун ва бар кафҳои писаронаш
гузошт, ва онҳоро ба ҳузури Худованд ҷунбонид.
28 Ва Мусо инҳоро аз кафҳои онҳо гирифта, бар қурбонгоҳ бо
қурбонии сӯхтанӣ сӯзонид: ин қурбонии гумоштанӣ барои атри
гуворо буд, ин қурбонии оташин барои Худованд буд.
29 Ва Мусо синаро гирифт, ва онро ҳамчун инъоми ҷунбониданӣ
ба ҳузури Худованд ҷунбонид; ин аз қӯчқори гумоштанӣ ҳиссае
барои Мусо буд, чунон ки Худованд ба Мусо амр фармуда буд.

## Дар бораи тадҳини коҳинон, хӯроки онҳо ва тақдис ёфтани онҳо барои Худо.

30 Ва Мусо аз равғани тадҳин ва аз хуне ки бар қурбонгоҳ буд,
гирифт, ва бар Ҳорун, бар либосҳояш, ва бар писарони ӯ, ва бар
либосҳои писарони ӯ бо ӯ пошид; ва Ҳорун ва либосҳояш, ва
писарони ӯ ва либосҳои писарони ӯро бо ӯ тақдис кард.
31 Ва Мусо ба Ҳорун ва писаронаш гуфт: «Ин гӯштро назди дари
хаймаи ҷомеъ бипазед, ва дар он ҷо онро бо ноне ки дар сабади
гумоштанӣ мебошад, бихӯред, чунон ки ба ман амр фармуда гуфта
шудааст: „Ҳорун ва писаронаш онро бихӯранд“.
32 Ва бақияи гӯшт ва нонро дар оташ бисӯзонед.
33 Ва аз дари хаймаи ҷомеъ ҳафт рӯз берун наравед, то рӯзе ки
айёми гумоштани шумо анҷом ёбад, зеро ки гумоштани шумо бояд
ҳафт рӯз ба амал ояд.
34 Чунон ки имрӯз ба амал оварда шуд, ончунон Худованд амр
фармуд, ки ба амал оварда шавад, то ки барои шумо кафорат гардад.
35 Ва назди дари хаймаи ҷомеъ рӯзона ва шабона ҳафт рӯз
бимонед, ва навбатдории Худовандро риоя намоед, то ки намиред,
зеро ки чунин ба ман амр фармуда шудааст».

36 Ва Ҳорун ва писаронаш ҳар он чиро, ки Худованд ба воситаи
Мусо амр фармуда буд, ба ҷо оварданд.

## Коҳинон ба ибодат шурӯъ менамоянд.

9 1 Ва дар рӯзи ҳаштум чунин воқеъ шуд, ки Мусо Ҳорун ва
писарони ӯ ва пирони Исроилро даъват намуд.
2 Ва ба Ҳорун гуфт: «Гӯсолаи наре барои қурбонии гуноҳ ва
қӯчқоре барои қурбонии сӯхтанӣ бигир, ки ҳар ду беайб бошанд, ва
ба ҳузури Худованд тақдим намо.
3 Ва ба банӣ-Исроил сухан ронда, бигӯ: „Нарбузе барои қурбонии
гуноҳ, ва гӯсола ва барраи яксолае ки беайб бошанд, барои қурбонии
сӯхтанӣ бигиред,
4 Ва барзагов ва қӯчқоре барои забҳҳои саломатӣ, то ки ба ҳузури
Худованд забҳ карда шавад, ва ҳадияи ордии бо равған омехташуда;
зеро ки имрӯз Худованд ба шумо зоҳир хоҳад шуд“».
5 Ва он чиро, ки Мусо амр фармуда буд, назди хаймаи ҷомеъ
оварданд; ва тамоми ҷамоат наздик омада, ба ҳузури Худованд
истоданд.
6 Ва Мусо гуфт: «Ин аст он чи Худованд амр фармудааст, ки ба
амал оваред, ва ҷалоли Худованд ба шумо зоҳир хоҳад шуд».
7 Ва Мусо ба Ҳорун гуфт: «Ба қурбонгоҳ наздик биё, ва қурбонии
гуноҳи худ ва қурбонии сӯхтании худро тақдим карда, барои худат
ва барои ҷамоат кафорат намо; ва қурбонии қавмро тақдим карда,
барои онҳо кафорат намо, чунон ки Худованд амр фармудааст».
8 Ва Ҳорун ба қурбонгоҳ наздик омада, гӯсолаи қурбонии гуноҳро,
ки барои худаш буд, забҳ кард.
9 Ва писарони Ҳорун хунро назди ӯ оварданд, ва ӯ ангушти худро
дар хун ғӯтонида, бар шохҳои қурбонгоҳ молид; ва хунро бар
буньёди қурбонгоҳ рехт.
10 Ва чарбу, ва гурдаҳо, ва қабати чарбуи рӯи ҷигари қурбонии
гуноҳро бар қурбонгоҳ сӯзонид, чунон ки Худованд ба Мусо амр
фармуда буд.
11 Ва гӯшт ва пӯстро берун аз ӯрдугоҳ дар оташ сӯзонид+.
12 Ва қурбонии сӯхтаниро забҳ кард, ва писарони Ҳорун хунро
назди ӯ оварданд, ва ӯ онро бар қурбонгоҳ гирдогирд пошид.
13 Ва андом ва каллаи қурбонии сӯхтаниро назди ӯ оварданд, ва ӯ
бар қурбонгоҳ сӯзонид.

14 Ва амъо ва почаҳоро шуста, бо қурбонии сӯхтанӣ бар қурбонгоҳ
сӯзонид.
15 Ва қурбонии қавмро наздик овард, ва нарбузи гуноҳро, ки барои
қавм буд, гирифт, ва онро забҳ карда, монанди қурбонии пешина,
барои гуноҳ тақдим намуд.
16 Ва қурбонии сӯхтаниро наздик оварда, бар тибқи дастур тақдим
намуд.
17 Ва ҳадияи ордиро наздик овард, ва мушташро аз он пур карда,
илова ба қурбонии сӯхтании субҳ бар қурбонгоҳ сӯзонид.
18 Ва барзагов ва қӯчқорро, ки забҳи саломатӣ барои қавм буд,
забҳ намуд; ва писарони Ҳорун хунро назди ӯ оварданд, ва ӯ онро бар
қурбонгоҳ гирдогирд пошид.
19 Ва низ чарбуи барзагов ва қӯчқорро: дунба ва он чи амъоро
мепӯшонад, ва гурдаҳо, ва қабати чарбуи рӯи ҷигарро, —
20 Ва чарбуро бар синаҳо монданд; ва ӯ чарбуро бар қурбонгоҳ
сӯзонид.
21 Ва Ҳорун синаҳо ва соқи ростро, ҳамчун инъоми ҷунбониданӣ,
ба хузури Худованд ҷунбонид, чунон ки Мусо амр фармуда буд.
22 Ва Ҳорун дастҳои худро сӯи қавм боло бардошта, онҳоро
баракат дод, ва баъд аз тақдим кардани қурбонии гуноҳ ва қурбонии
сӯхтанӣ ва забҳи саломатӣ фурӯд омад.
23 Ва Мусо ва Ҳорун ба хаймаи ҷомеъ даромаданд, ва берун омада,
қавмро баракат доданд; ва ҷалоли Худованд ба тамоми қавм зоҳир
шуд+.
24 Ва оташе аз ҳузури Худованд берун омада, қурбонии сӯхтанӣ ва
чарбуро бар қурбонгоҳ сӯзонид, ва тамоми қавм инро дида, ба ваҷд
омаданд, ва бар рӯи худ афтоданд+.

## Нодоб ва Абиҳу оташи бегонае меоваранд.

10 [1] Ва писарони Ҳорун, Нодоб ва Абиҳу, ҳар яке маҷмари худро
гирифта, оташ бар онҳо монданд, ва бухур бар он гузошта, ба
ҳузури Худованд оташи бегонаро, ки Ӯ ба онҳо амр нафармуда буд,
наздик оварданд+.
[2] Ва оташе аз ҳузури Худованд берун омада, онҳоро сӯзонид; ва
онҳо ба ҳузури Худованд мурданд+.
[3] Ва Мусо ба Ҳорун гуфт: «Ин аст он чи Худованд сухан ронда,
гуфтааст:
„Ба воситаи наздиконам қудсияти Худро зоҳир хоҳам сохт,
ва дар назари тамоми қавм ҷалол хоҳам ёфт“».
Ва Ҳорун хомӯш монд+.
[4] Ва Мусо Мишоил ва Элсофонро, ки писарони Узиил, амаки
Ҳорун, буданд, хонда, ба онҳо гуфт: «Наздик омада, бародарони
худро аз пеши қудс ба беруни ӯрдугоҳ бибаред»+.
[5] Ва онҳо наздик омада, мурдаҳоро дар пероҳанҳошон ба беруни
ӯрдугоҳ бурданд, чунон ки Мусо гуфта буд.
[6] Ва Мусо ба Ҳорун ва писаронаш Элъозор ва Итомор гуфт:
«Сарҳои худро яла накунед, ва либосҳои худро надарронед, то ки
намиред, ва Ӯ бар тамоми ҷамоат ғазаб накунад; вале бигзор
бародарони шумо, тамоми хонадони Исроил, дар ҳаққи сӯхтагон, ки
Худованд онҳоро сӯзонидааст, навҳагарӣ кунанд+.
[7] Ва аз дари хаймаи ҷомеъ берун наравед, мабодо бимиред, зеро
ки равғани тадҳини Худованд бар шумост». Ва онҳо бар тибқи
гуфтори Мусо амал карданд+.
[8] Ва Худованд ба Ҳорун сухан ронда, гуфт:
[9] «Ту ва писаронат бо ту, вақте ки ба хаймаи ҷомеъ дохил
мешавед, шароб ва арақ нанӯшед, то ки намиред; ин аст фаризаи
абадӣ дар наслҳои шумо,+
[10] То ки муқаддасро аз ғайримуқаддас, ва наҷисро аз пок
битавонед фарқ кунед,+
[11] Ва тамоми фароизеро, ки Худованд ба шумо ба воситаи Мусо
амр фармудааст, ба банӣ-Исроил таълим диҳед».
[12] Ва Мусо ба Ҳорун ва писаронаш Элъозор ва Итомор, ки зинда
монда буданд, гуфт: «Ҳадияи ордиеро, ки аз қурбонии оташини

Худованд боқӣ мондааст, бигиред, ва онро бе хамиртуруш назди
қурбонгоҳ бихӯред, зеро ки ин қудси қудсҳост.
13 Ва онро дар макони муқаддас бихӯред, чунки он аз қурбонии
оташини Худованд ҳиссаи ту ва ҳиссаи писарони туст, зеро ки чунин
ба ман амр фармуда шудааст+.
14 Ва синаи ҷунбониданӣ ва соқи пешкашро ту ва писаронат ва
духтаронат бо ту дар макони пок бихӯред, зеро ки инҳо аз забҳҳои
саломатии банӣ-Исроил барои ҳиссаи ту ва ҳиссаи фарзандони ту
дода шудааст.
15 Соқи пешкаш ва синаи ҷунбониданиро онҳо бояд бо қурбонии
оташини чарбу биёранд, то ки ҳамчун инъоми ҷунбониданӣ ба
ҳузури Худованд ҷунбонида шавад; ва ин барои ту ва барои
писаронат бо ту фаризаи абадӣ хоҳад буд, чунон ки Худованд амр
фармудааст».
16 Ва Мусо нарбузи қурбонии гуноҳро талабид, ва инак, он
сӯзонида шуда буд; ва ӯ ба Элъозор ва Итомор, писарони Ҳорун, ки
зинда монда буданд, хашм намуда, гуфт:+
17 «Чаро ин қурбонии гуноҳро дар макони муқаддас нахӯрдед? Он,
охир, қудси қудсҳост, ва онро Ӯ ба шумо додааст, то ки гуноҳи
ҷамоатро бардошта, барои онҳо ба ҳузури Худованд кафорат намоед.
18 Хуни он, охир, андаруни қудс дохил карда нашудааст, ва ҳол он
ки шумо онро мебоист дар қудс мехӯрдед, чунон ки амр фармуда
будам»+.
19 Ва Ҳорун ба Мусо сухан ронда, гуфт: «Имрӯз, охир, онҳо
қурбонии гуноҳи худ ва қурбонии сӯхтании худро, ба ҳузури
Худованд тақдим карданд, — ва чунин ҳодисаҳо ба ман рӯй дод; пас,
агар имрӯз қурбонии гуноҳро мехӯрдам, оё ин дар назари Худованд
мақбул меафтод?»
20 Ва Мусо инро шунида, маъқул донист.

## Дар бораи чорпоёни пок ва нопок.

# 11

1 •Ва Худованд ба Мусо ва Ҳорун сухан ронда, ба онҳо гуфт:
2 «Ба банӣ-Исроил сухан ронда, бигӯед: инҳоянд ҷонвароне
ки шумо метавонед аз ҳамаи чорпоёни рӯи замин бихӯред:+
3 Ҳар чорпои сумдор, ки қӯшсум бошад, ва хӯрокашро кавша
кунад, — онро бихӯред.
4 Аммо инҳоро аз кавшакунандагон ва сумдорон нахӯред:
шутурро, зеро ки он кавшакунанда аст, валекин сумаш қӯшсум нест,
— он барои шумо наҷис аст;
5 Ва заргӯшро, зеро ки он кавшакунанда аст, валекин сумаш
қӯшсум нест, — он барои шумо наҷис аст;
6 Ва харгӯшро, зеро ки он кавшакунанда аст, валекин сумаш
қӯшсум нест, — он барои шумо наҷис аст;
7 Ва хукро, зеро ки он сумдор аст ва сумаш қӯшсум аст, валекин
хӯрокашро кавша намекунад, — он барои шумо наҷис аст.
8 Аз гӯшти онҳо нахӯред ва ба лошаи онҳо нарасед, — онҳо барои
шумо наҷисанд.
9 Аз ҳар он чи дар об аст, инҳоро метавонед бихӯред: ҳар он чи пар
ва пулакча дар об дорад, — хоҳ дар баҳрҳо бошад, хоҳ дар наҳрҳо, —
онҳоро метавонед бихӯред.
10 Вале ҳар он чи пар ва пулакча надорад, — хоҳ дар баҳрҳо бошад,
хоҳ дар наҳрҳо, — аз ҳар ҳашароти об ва аз ҳар ҷонваре ки дар об аст,
— инҳо барои шумо қабеҳ аст.
11 Ва инҳо барои шумо қабеҳ хоҳад буд: аз гӯшташон нахӯред ва аз
лошаашон нафрат намоед.
12 Ҳар он чи пар ва пулакча дар об надорад, барои шумо қабеҳ
хоҳад буд.
13 Ва аз парандагон аз инҳо нафрат намоед: инҳо хӯрда нашаванд,
чунки қабеҳанд: уқоб, ва каргас, ва бургут,
14 Ва калхот, ва шоҳин бо зоти он,
15 Ва ҳар зоғ бо зоти он,
16 Ва шутурмурғ, ва бум, ва моҳихӯрак, ва қарчиғай бо зоти он,
17 Ва чуғз, ва бақлон, ва ибис,
18 Ва қу, ва мурғи саққо, ва лошахӯр,

[19] Ва лаклак, ва куланг бо зоти он, ва ҳудҳуд, ва кӯршабпарак.
[20] Тамоми ҳашароти болдоре ки бар чор пой роҳ меравад, барои
шумо қабеҳ аст.
[21] Аммо аз ҳар ҳашароти болдоре ки бар чор пой роҳ меравад,
ҳамонро бихӯред, ки аз болои кафҳои пояш соқҳо барои ҷастан бар
замин дорад.
[22] Инҳоро аз онҳо бихӯред: малах бо зоти он, солъом бо зоти он, ва
ҳарҷӯл бо зоти он, ва ҳоҷоб бо зоти он*+.
[23] Ва ҳар ҳашароти болдоре ки чор пой дорад, барои шумо қабеҳ
аст.
[24] Ва аз инҳо наҷис хоҳед шуд; ҳар кӣ ба лошаи онҳо бирасад, то
шом наҷис хоҳад буд.
[25] Ва ҳар кӣ чизе аз лошаи онҳо бардошта бошад, бояд
либосҳояшро бишӯяд, ва то шом наҷис хоҳад буд+.
[26] Ҳар чорпое ки сумдор аст, валекин сумаш қӯшсум нест, ва
хӯрокашро кавша намекунад, — барои шумо наҷис аст; ҳар кӣ ба онҳо
бирасад, наҷис хоҳад шуд.
[27] Ва аз ҳамаи ҳайвонҳое ки бар чор пой роҳ мераванд, ҳар кадоме
ки бар кафи пои худ равон бошад, барои шумо наҷис аст; ҳар кӣ ба
лошаи онҳо бирасад, то шом наҷис хоҳад буд.
[28] Ва ҳар кӣ лошаи онҳоро бардошта бошад, бояд либосҳояшро
бишӯяд, ва то шом наҷис хоҳад буд; онҳо барои шумо наҷисанд.
[29] Ва аз ҳайвонҳои майдае ки бар замин мехазанд, инҳо барои
шумо наҷисанд: кӯрмуш, ва муш, ва сусмор бо зоташ,
[30] Ва хорпушт, ва бӯқаламун, ва калтакалос, ва ҳулмато, ва
карбоса.
[31] Инҳо аз ҳамаи ҳайвонҳои хазанда барои шумо наҷисанд; ҳар кӣ
ба онҳо пас аз мурданашон бирасад, то шом наҷис хоҳад буд.
[32] Ва ҳар чизе ки яке аз онҳо пас аз мурданаш бар он афтад, наҷис
хоҳад шуд: хоҳ чизе аз зарфи чӯбин, хоҳ либосе, хоҳ пӯсте, хоҳ
халтае, яъне ҳар колое ки барои коре истеъмол мешавад, бояд дар об
гузошта шавад, ва он то шом наҷис хоҳад буд, ва пас аз он пок хоҳад
шуд+.
[33] Ва ҳар зарфи сафолин, ки яке аз онҳо андаруни он афтад, ҳар он
чи андаруни он бошад, наҷис хоҳад шуд, ва онро бишканед+.

[34] Ҳар хӯроквории ки барои хӯрок истеъмол мешавад, агар бар он аз чунин зарф об рехта бошад, наҷис хоҳад буд, ва ҳар нӯшокие ки барои нӯшидан истеъмол мешавад, дар чунин зарф наҷис хоҳад буд.

[35] Ва ҳар чизе ки бар он аз лошаи онҳо афтад, наҷис хоҳад буд; танӯр ва оташдон бояд шикаста шаванд, — онҳо наҷисанд, ва барои шумо наҷис хоҳанд буд.

[36] Аммо чашма ва чоҳи обанбор пок хоҳанд буд. Вале ҳар кӣ ба лошаи онҳо бирасад, наҷис хоҳад шуд.

[37] Ва агар аз лошаи онҳо бар тухмии коштанӣ афтад, он пок хоҳад буд.

[38] Вале агар об бар он тухмӣ рехта шуда бошад, ва аз лошаи онҳо бар он афтад, он барои шумо наҷис хоҳад буд.

[39] Ва агар яке аз чорпоёне ки барои хӯроки шумост, бимирад, ҳар кӣ ба лошаи он бирасад, то шом наҷис хоҳад буд+.

[40] Ва ҳар кӣ аз лошаи он хӯрда бошад, бояд либосҳояшро бишӯяд, ва то шом наҷис хоҳад буд; ва ҳар кӣ лошаи онро бардошта бошад, бояд либосҳояшро бишӯяд, ва то шом наҷис хоҳад буд.

[41] Ва ҳар ҷонваре ки бар замин мехазад, қабеҳ аст; он набояд хӯрда шавад.

[42] Ҳар он чи бар шикамаш мехазад, ва ҳар он чи бар чор пояш роҳ меравад, ва ҳар он чи пойҳои зиёде дорад, яъне ҳамаи ҳайвонҳои хазандае ки бар замин мехазанд, — онҳоро нахӯред, зеро ки онҳо қабеҳанд.

[43] Нафси худро бо ҳар ҳайвони хазанда қабеҳ насозед, ва худро бо онҳо нопок накунед, мабодо аз онҳо наҷис гардед.

[44] Зеро ки Ман Худованд Худои шумо ҳастам, ва шумо тақдис ёфта, муқаддас хоҳед буд, чунки Ман қуддус ҳастам; ва нафси худро бо ҳар ҳайвоне ки бар замин мехазад, наҷис насозед+.

[45] Зеро ки Ман Худованде ҳастам, ки шуморо аз замини Миср берун овардаам, то ки Худои шумо бошам; пас, шумо муқаддас бошед, зеро ки Ман қуддус ҳастам».

[46] Ин аст қонун дар бораи чорпоён ва парандагон ва ҳар ҷонваре ки дар об меҷунбад, ва ҳар ҳайвоне ки бар замин мехазад,

[47] То ки наҷис аз пок, ва ҳайвони хӯрдашаванда аз ҳайвони хӯрданашаванда фарқ карда шавад+.

## Конун дар бораи модарӣ.

**12** [1] Ва Худованд ба Мусо сухан ронда, гуфт:
[2] «Ба банӣ-Исроил бигӯ: агар зан ҳомила шуда, писар зояд,
ҳафт рӯз нопок хоҳад буд, мисли рӯзҳои ҳайзаш нопок хоҳад буд+.
[3] Ва дар рӯзи ҳаштум ғилофаки бача хатна карда мешавад+.
[4] Ва сию се рӯз вай бояд дар хуни покии худ бимонад, ба ҳеҷ чизи
муқаддас нарасад, ва ба қудс надарояд, то даме ки рӯзҳои покияш
пур шавад+.
[5] Ва агар вай духтар зояд, ду ҳафта мисли муддати ҳайзаш нопок
хоҳад буд; ва шасту шаш рӯз вай бояд дар хуни покии худ бимонад.
[6] Ва чун рӯзҳои покияш барои писар ё духтар пур шавад, вай бояд
барраи яксола барои қурбонии сӯхтанӣ ва чӯҷаи кабӯтар ё фохта
барои қурбонии гуноҳ назди дари хаймаи ҷомеъ ба коҳин биёрад.
[7] Ва ӯ инро ба ҳузури Худованд тақдим карда, барои вай кафорат
менамояд, ва вай аз ҷараёни хуни худ пок хоҳад шуд. Ин аст қонуни
зане ки писар ё духтар зоида бошад.
[8] Ва агар овардани барра барояш дастрас набошад, бигзор ду фохта
ё ду чӯҷаи кабӯтар оварад, ки яке барои қурбонии сӯхтанӣ ва дигаре
барои қурбонии гуноҳ аст; ва коҳин барои вай кафорат хоҳад намуд,
ва вай пок хоҳад шуд»+.

## Дастурҳо дар бораи махавиён.

13 [1] Ва Худованд ба Мусо ва Ҳорун сухан ронда, гуфт:
[2] «Одаме ки бар пӯсти баданаш вараме, ё хушкие, ё доғи
равшане пайдо мешавад, ва ин бар пӯсти баданаш монанди захми
махав аст, — ӯ бояд назди Ҳоруни коҳин ё назди яке аз писарони
коҳинаш оварда шавад.
[3] Ва коҳин он захмро, ки бар пӯсти бадан аст, мебинад, ва агар
мӯйҳои рӯи захм сафед шуда, намуди захм аз пӯсти баданаш
чуқуртар бошад, — ин захми махав аст; ва коҳин инро дида, ӯро
наҷис эълон мекунад+.
[4] Ва агар доғи равшани сафеде бар пӯсти баданаш бошад, вале
намуди он аз пӯст чуқуртар набошад, ва мӯйҳояш сафед нашуда
бошад, — коҳин чунин захмдорро ҳафт рӯз ҷудо мегузорад.
[5] Ва дар рӯзи ҳафтум коҳин варо мебинад, ва инак, захм дар
ҳолати аввала мондааст, ва захм дар пӯст паҳн нашудааст, — коҳин
дуюмбора варо ҳафт рӯз ҷудо мегузорад.
[6] Ва коҳин дуюмбора варо дар рӯзи ҳафтум мебинад, ва инак, захм
камранг шудааст, ва захм дар пӯст паҳн нашудааст, — коҳин варо пок
эълон мекунад; ин хушкии пӯст аст, ва бигзор вай либосҳояшро
бишӯяд, ва пок хоҳад буд+.
[7] Ва агар хушкӣ дар пӯст паҳн шавад баъд аз он ки вай худро ба
коҳин нишон дода, пок эълон карда шудааст, вай бояд дуюмбора
назди коҳин ҳозир шавад.
[8] Ва коҳин мебинад, ва инак, хушкӣ дар пӯст паҳн шудааст, —
коҳин варо наҷис эълон мекунад: ин махав аст.
[9] Агар захми махав дар бадани касе бошад, вай бояд назди коҳин
оварда шавад.
[10] Ва коҳин мебинад, ва инак, варами сафеде бар пӯст намоён аст,
ва мӯйҳоро он сафед гардонидааст, ва гӯшти зиндае дар варам пайдо
шудааст, —
[11] Ин бар пӯсти бадани вай махави кӯҳна аст; ва коҳин варо наҷис
эълон мекунад, варо ҳатто ҷудо намегузорад, зеро ки вай бешубҳа
наҷис аст.
[12] Ва агар махав бар пӯст паҳн шуда бошад, ва махав тамоми пӯсти
беморро аз сараш то поҳояш пӯшонида бошад, ба андозае ки

чашмони коҳин метавонад бубинад;
[13] Ва коҳин мебинад, ва инак, махав тамоми бадани варо
пӯшонидааст, ӯ покии беморро эълон менамояд: азбаски тамоми
бадани вай сафед шудааст, вай пок аст.
[14] Вале вақте ки бар вай гӯшти зинда намоён шавад, вай наҷис
хоҳад буд.
[15] Ва ҳамин ки коҳин гӯшти зиндаро бубинад, варо наҷис эълон
мекунад: гӯшти зинда наҷис аст, зеро ки махав аст.
[16] Ва агар гӯшти зинда тағьир ёфта, сафед шавад, вай бояд назди
коҳин биёяд;
[17] Ва коҳин варо мебинад, ва инак, он захм сафед шудааст, ва
коҳин беморро пок эълон менамояд; вай пок аст.
[18] Ва агар бар пӯсти бадани касе обила пайдо шуда, сиҳат ёфта
бошад,
[19] Ва дар ҷои он обила варами сафедранге, ё доғи равшани сафеди
сурхтобе ба вуҷуд омада бошад, — вай бояд онро ба коҳин нишон
диҳад.
[20] Ва коҳин мебинад, ва инак, намуди он аз пӯст пасттар аст, ва
мӯйҳон он сафед шудааст, — ва коҳин варо наҷис эълон мекунад: ин
захми махав аст, ки дар обила ба вуҷуд омадааст.
[21] Вале агар коҳин онро бубинад, ва инак, мӯйҳои сафед бар он
нест, ва он аз пӯст пасттар нест, ва он камранг аст, — коҳин варо ҳафт
рӯз ҷудо мегузорад.
[22] Ва агар он бар пӯст паҳн шуда равад, — коҳин варо наҷис эълон
мекунад: ин захм аст.
[23] Ва агар он доғи равшан дар ҷояш монда, паҳн нашавад, ин омоси
обила аст; ва коҳин варо пок эълон мекунад.
[24] Ё агар бар пӯсти бадани касе доғи оташ бошад, ва бар гӯшти
зиндаи он доғи равшани сафеди сурхтоб ё сафед пайдо шуда бошад,
—
[25] Коҳин онро мебинад, ва инак, мӯйҳо бар он доғи равшан сафед
шудааст, ва намудаш аз пӯст чуқуртар аст, — ин махав аст, ки дар он
доғи оташ ба вуҷуд омадааст; ва коҳин варо наҷис эълон мекунад: ин
захми махав аст.
[26] Ва агар коҳин онро бубинад, ва инак, бар доғи равшан мӯйҳои
сафед нест, ва он аз пӯст пасттар нест, ва он камранг аст, — коҳин

варо ҳафт рӯз ҷудо мегузорад.
[27] Ва коҳин варо дар рӯзи ҳафтум мебинад: агар он бар пӯст паҳн
шуда бошад, коҳин варо наҷис эълон мекунад: ин захми махав аст.
[28] Вале агар он доғи равшан дар ҷояш монда, бар пӯст паҳн
нашавад, ва он камранг бошад, — ин варами доғи оташ аст, ва коҳин
варо пок эълон мекунад, зеро ки ин омоси доғи оташ аст.
[29] Ва агар захме бар сар ё бар занахи марде ё зане бошад, —
[30] Коҳин он захмро мебинад, ва инак, намуди он аз пӯст чуқуртар
аст, ва мӯйҳон зарди борик бар он намоён аст, — варо коҳин наҷис
эълон мекунад: ин калӣ, яъне махави сар ё занах аст.
[31] Вақте ки коҳин ин захми калиро мебинад, ва инак, намуди он аз
пӯст чуқуртар нест, ва мӯйҳои сиёҳ бар он нест, — коҳин он шахси
гирифтори захми калиро ҳафт рӯз ҷудо мегузорад.
[32] Ва дар рӯзи ҳафтум коҳин он захмро мебинад, ва инак, он калӣ
паҳн нашудааст, ва мӯйҳои зард дар он нест, ва намуди калӣ аз пӯст
чуқуртар нест, —
[33] Пас, мӯйҳои вай бояд тарошида шавад, вале ҷои калӣ тарошида
нашавад, ва коҳин он шахси гирифтори калиро дуюмбора ҳафт рӯз
ҷудо мегузорад.
[34] Ва коҳин он калиро дар рӯзи ҳафтум мебинад, ва инак, он калӣ
бар пӯст паҳн нашудааст, ва намуди он аз пӯст чуқуртар нест; он гоҳ
коҳин варо пок эълон мекунад, ва вай либосҳояшро шуста, пок
мешавад+.
[35] Ва агар, баъд аз пок шуданаш, калӣ бар пӯст паҳн шавад, —
[36] Коҳин варо мебинад, ва инак, калӣ бар пӯст паҳн шудааст, —
бигзор коҳин мӯйҳои зардро ҷустуҷӯ накунад: вай наҷис аст.
[37] Вале агар калӣ дар ҳолати аввала монда, мӯйҳои сиёҳ бар он
рӯида бошад, — калӣ сиҳат ёфтааст: вай пок аст, ва коҳин варо пок
эълон мекунад.
[38] Ва агар марде ё зане бар пӯсти баданашон доғҳои равшан, яъне
доғҳои сафед дошта бошанд, —
[39] Коҳин мебинад, ва инак, бар пӯсти баданашон доғҳои равшани
камранги сафед намоён аст, — ин баҳақ аст, ки бар пӯст пайдо
шудааст; он пок аст.
[40] Ва касе ки мӯи сараш рехта бошад, вай ақраъ аст; вай пок аст.

41 Ва агар мӯи сари вай аз тарафи пешонияш рехта бошад, вай
тоссар аст; вай пок аст.
42 Вале агар дар ҷои бемӯи ақраъ ё тоссар захми сафеди сурхтобе
бошад, — ин махав аст, ки бар сари ақраъ ё тоссар пайдо шудааст.
43 Ва коҳин варо мебинад, ва инак, варами захми сафеди сурхтобе
бар ҷои бемӯи ақраъ ё тоссар намоён аст, ки ба намуди махави пӯсти
бадан монанд аст, —
44 Пас, вай махавист, вай наҷис аст; коҳин бояд варо наҷис эълон
кунад; захми вай бар сари вай аст.
45 Ва махавие ки гирифтори ин захм аст, либосҳояш бояд чок
карда шавад, ва сараш шонаро набинад, ва он то мӯйлабаш пӯшонида
шавад, ва вай фарьёд занад: „Наҷис! Наҷис!“
46 Тамоми айёме ки он захм бар вай бошад, вай наҷис хоҳад буд;
вай наҷис аст, вай бояд танҳо зиндагӣ кунад, яъне масканаш берун аз
ӯрдугоҳ бошад+.
47 Ва агар бар либосе асари захми махав намоён бошад, хоҳ либосе
аз пашм бошад, хоҳ аз катон,
48 Хоҳ бар тори он бошад, хоҳ бар пуди он катон ва пашм, хоҳ бар
чарм бошад, хоҳ бар ҳар маснӯи чармин;
49 Ва агар он захм сабзтоб ё сурхтоб буда, бар либос, ё бар чарм, ё
бар тор, ё бар пуд, ё бар ҳар колои чармин бошад, — ин захми махав
аст, ва бояд ба коҳин нишон дода шавад.
50 Ва коҳин он захмро мебинад, ва он захмдорро ҳафт рӯз ҷудо
мегузорад.
51 Ва он захмро ӯ дар рӯзи ҳафтум мебинад, ва агар он бар либос
паҳн шуда бошад, хоҳ бар тор, хоҳ бар пуд, хоҳ бар чарм, яъне бар ҳар
маснӯе ки аз чарм сохта шудааст, — он захм махави муфсид аст; он
наҷис аст.
52 Ва ӯ бояд он либосро бисӯзонад, хоҳ тор бошад хоҳ пуд, хоҳ аз
пашм бошад хоҳ аз катон, хоҳ ҳар колои чармине ки захм бар он
бошад, — зеро ки он махави муфсид аст; он бояд дар оташ сӯзонида
шавад.
53 Ва агар коҳин бубинад, ки инак, он захм бар либос паҳн
нашудааст, хоҳ бар тор бошад хоҳ бар пуд, хоҳ бар ҳар колои чармин,
—

54 Коҳин амр мефармояд, ва он чиро, ки захм бар он аст, мешӯянд;
ва ӯ онро дуюмбора ҷудо мегузорад.
55 Ва коҳин захмро баъд аз шустан мебинад, ва инак, захм ҳолати
аввалаи худро дигаргун накардааст, ва захм агарчи паҳн нашудааст,
— он наҷис аст, онро дар оташ бисӯзон; ин фарсудагие дар абраи он ё
дар астари он мебошад.
56 Ва агар коҳин бубинад, ки инак, захм баъд аз шустани он
камранг шудааст, — бигзор онро аз либос, ё аз чарм, ё аз тор, ё аз пуд
дарронида ҷудо кунад.
57 Ва агар он боз бар либос, ё бар тор, ё бар пуд, ё бар ҳар колои
чармин намоён гардад, — ин махавест, ки шукуфта паҳн мешавад; он
чиро, ки дорои ин захм аст, дар оташ бисӯзон.
58 Вале он либос, ё тор, ё пуд, ё ҳар колои чарминро, ки шустаӣ, ва
захм аз онҳо нест шудааст, дуюмбора бишӯй ва онҳо пок хоҳад буд».
59 Ин аст қонун дар бораи захми махав бар либоси пашмин ё
катон, ё бар тор, ё бар пуд, ё бар ҳар колои чармин, барои пок ё наҷис
эълон кардани он.

## Дар борои пок кардан аз махав.

14 [1] Ва Худованд ба Мусо сухан ронда, гуфт:
[2] «Ин аст қонун дар бораи махавӣ, дар рӯзе ки вай пок эълон
карда мешавад: вай бояд назди коҳин оварда шавад+.
[3] Ва коҳин аз ӯрдугоҳ берун меравад, ва коҳин мебинад, ва инак,
махавӣ аз захми махав шифо ёфтааст;
[4] Ва коҳин амр мефармояд, ки барои шахси покшаванда ду
парандаи зиндаи пок, ва чӯби арз, ва риштаи қирмизӣ, ва зуфо
бигиранд+.
[5] Ва коҳин амр мефармояд, ки як парандаро бар зарфи сафолин,
бар оби равон бикушанд.
[6] Аммо парандаи зиндаро ӯ бо чӯби арз ва риштаи қирмизӣ ва
зуфо мегирад, ва онҳоро бо парандаи зинда дар хуни парандае ки бар
оби равон кушта шудааст, мегӯтонад.
[7] Ва бар касе ки аз махав пок мешавад, ҳафт карат мепошад, ва
варо пок эълон мекунад, ва парандаи зиндаро ба саҳро сар медиҳад+.
[8] Ва покшаванда либосҳояшро мешӯяд, ва тамоми мӯи худро
метарошад, ва дар об ғусл мекунад, ва пок мешавад; ва баъд аз он ба
ӯрдугоҳ меояд, ва ҳафт рӯз берун аз хаймаи худ зиндагӣ мекунад+.
[9] Ва дар рӯзи ҳафтум тамоми мӯи худро метарошад, сари худ ва
риши худ ва абрувони худ ва тамоми мӯи худро метарошад; ва
либосҳои худро мешӯяд, ва бадани худро дар об ғусл медиҳад, ва пок
мешавад.
[10] Ва дар рӯзи ҳаштум ду барраи беайб, ва як меши яксолаи беайб,
ва се ушр* орди маҳини бо равған омехта барои ҳадияи ордӣ, ва як
лӯҷ* равған мегирад.
[11] Ва коҳини поккунанда шахси покшавандаро бо ин чизҳо ба
ҳузури Худованд назди дари хаймаи ҷомеъ мегузорад.
[12] Ва коҳин як барраро мегирад, ва онро бо як лӯҷ равған барои
қурбонии ҷурм тақдим менамояд, ва онҳоро ҳамчун инъоми
ҷунбониданӣ ба ҳузури Худованд меҷунбонад.
[13] Ва барраро дар макони ки қурбонии гуноҳ ва қурбонии
сӯхтаниро забҳ мекунанд, яъне дар макони муқаддас забҳ менамояд;
зеро ки ин қурбонии ҷурм мисли қурбонии гуноҳ аз они коҳин аст;
ин қудси қудсҳост+.

[14] Ва коҳин аз хуни қурбонии ҷурм мегирад, ва коҳин онро бар
нармаи гӯши рости шахси покшаванда ва бар нарангушти дасти
рости вай, ва бар нарангушти пои рости вай мемолад+.
[15] Ва коҳин қадаре аз лӯҷи равған гирифта, бар кафи дасти чапи
худ мерезад.
[16] Ва коҳин ангушти рости худро дар равғане ки дар кафи дасти
чапи ӯст, меғӯтонад, ва аз равған бо ангушти худ ҳафт карат ба
ҳузури Худованд мепошад.
[17] Ва аз бақияи равғане ки дар кафи дасти ӯст, коҳин ба нармаи
гӯши рости шахси покшаванда, ва ба нарангушти дасти рости вай, ва
ба нарангушти пои рости вай, болои хуни қурбонии ҷурм мемолад.
[18] Ва бақияи равғанеро, ки дар кафи дасти коҳин аст, ба сари
шахси покшаванда мемолад, ва коҳин варо ба ҳузури Худованд
кафорат менамояд.
[19] Ва коҳин қурбонии гуноҳро тақдим мекунад, ва покшавандаро
аз наҷисии вай кафорат менамояд; ва сонӣ қурбонии сӯхтаниро забҳ
мекунад.
[20] Ва коҳин қурбонии сӯхтанӣ ва ҳадияи ордиро бар қурбонгоҳ
мегузорад; ва коҳин варо кафорат менамояд, ва вай пок мешавад.
[21] Ва агар вай камбизоат буда, ин чизҳо барояш дастрас набошад,
бигзор як барра барои қурбонии ҷурм бигирад, то ҷунбонида шавад
ва варо кафорат намояд, ва як ушр орди маҳини бо равған омехта
барои ҳадияи ордӣ бигирад, ва як лӯҷ равған,
[22] Ва ду фохта, ё ду чӯҷаи кабӯтар, ки барояш дастрас бошад: яке
қурбонии гуноҳ ва дигаре қурбонии сӯхтанӣ хоҳад буд.
[23] Ва онҳоро дар рӯзи ҳаштуми покшавии худ назди коҳин, ба дари
хаймаи ҷомеъ, ба хузури Худованд биёрад.
[24] Ва коҳин барраи қурбонии ҷурм ва лӯҷи равғанро мегирад, ва
коҳин онҳоро ҳамчун инъоми ҷунбониданӣ ба ҳузури Худованд
меҷунбонад.
[25] Ва барраи қурбонии ҷурмро забҳ мекунад; ва коҳин аз хуни
қурбонии ҷурм гирифта, ба нармаи гӯши рости шахси покшаванда,
ва ба нарангушти дасти рости вай, ва ба нарангушти пои рости вай
мемолад+.
[26] Ва коҳин аз равған ба кафи дасти чапи худ мерезад.

[27] Ва коҳин аз равғане ки дар кафи дасти чапи ӯст, бо ангушти
рости худ ҳафт карат ба ҳузури Худованд мепошад.
[28] Ва коҳин аз равғане ки дар кафи ӯст, ба нармаи гӯши рости
шахси покшаванда, ва ба нарангушти дасти рости вай, ва ба
нарангушти пои рости вай, бар ҷои хуни қурбонии ҷурм мемолад.
[29] Ва бақияи равғанеро, ки дар кафи коҳин аст, ба сари шахси
покшаванда мемолад, то ки варо ба ҳузури Худованд кафорат
намояд.
[30] Ва яке аз фохтаҳо ё чӯҷаҳои кабӯтарро, ки барояш дастрас
бошад, тақдим менамояд, —
[31] Яъне аз он чи барояш дастрас бошад, якеро барои курбонии
гуноҳ ва дигареро барои қурбонии сӯхтанӣ бо якҷоягии хадияи ордӣ;
ва коҳин покшавандаро ба ҳузури Худованд кафорат менамояд.
[32] Ин аст қонун дар бораи шахсе ки захми махав дорад, ва дороии
вай барои пок шуданаш ғайрикофист».
[33] Ва Худованд ба Мусо ва Ҳорун сухан ронда, гуфт:
[34] «Вақте ки ба замини Канъон, ки онро Ман ба тасарруфи шумо
медиҳам, дохил шавед, ва Ман захми махавро ба хонае дар замини
мулки шумо бифиристам,
[35] Пас, соҳиби он хона бояд назди коҳин омада, бигӯяд: „Дар хона
чизе мисли захм ба назар менамояд“.
[36] Ва коҳин амр мефармояд, ки хонаро холӣ кунанд, пеш аз он ки
коҳин барои дидани он захм биёяд, то ки ҳар он чи дар хона аст,
наҷис нашавад; ва сонӣ коҳин барои дидани хона меояд.
[37] Ва ӯ захмро мебинад, ва инак, захм бар деворҳои хона аз
чуқурчаҳои сабзтоб ё сурхтоб иборат аст, ва намудашон аз девор
пасттар аст;
[38] Ва коҳин аз хона ба дари хона мебарояд, ва хонаро ҳафтрӯза
мебандад.
[39] Ва дар рӯзи ҳафтум коҳин омада, мебинад, ва инак, захм бар
деворҳои хона паҳн шудааст;
[40] Ва коҳин амр мефармояд, ки сангҳоеро, ки захм бар онҳост,
канда гиранд, ва онҳоро берун аз шаҳр, дар макони нопоке партоянд,
[41] Ва андоваи хонаро аз дарун гирдогирд битарошанд, ва хокеро,
ки тарошидаанд, берун аз шаҳр, дар макони нопоке бирезанд,

[42] Ва сангҳои дигаре гирифта, ба ҷои он сангҳо бимонанд, ва хоки
дигаре гирифта, хонаро андова кунанд.
[43] Ва агар захм аз нав пайдо шуда, баъд аз канда гирифтани сангҳо,
ва баъд аз тарошидани андоваи хона, ва баъд аз андова кардани он
боз дар хона паҳн шавад,
[44] Пас, коҳин омада, мебинад, ва инак, захм дар хона паҳн
шудааст, — ин махави муфсид аст дар хона; ва он наҷис аст.
[45] Ин хонаро бояд вайрон карда, сангҳояш, ва чӯбҳояш, ва тамоми
хоки хонаро берун аз шаҳр, дар макони нопоке бароранд.
[46] Ва ҳар кӣ ба ин хона дар тамоми айёме ки он баста аст, доҳил
шавад, то шом наҷис хоҳад буд.
[47] Ва ҳар кӣ дар ин хона бихобад, бояд либосҳои худро бишӯяд, ва
ҳар кӣ дар ин хона чизе бихӯрад, бояд либосҳои худро бишӯяд+.
[48] Ва агар коҳин омада бубинад, ва инак, захм баъд аз андова
кардани хона паҳн нашудааст, — коҳин хонаро пок эълон мекунад,
зеро ки захм бартараф шудааст.
[49] Ва ӯ барои пок кардани хона ду паранда, ва чӯби арз, ва риштаи
қирмизӣ, ва зуфо мегирад,+
[50] Ва як парандаро бар зарфи сафолин, бар оби равон мекушад;
[51] Ва чӯби арз, ва зуфо, ва риштаи қирмизӣ, ва парандаи зиндаро
мегирад, ва онҳоро дар хуни парандае ки бар оби равон кушта
шудааст, меғӯтонад, ва бар хона ҳафт карат мепошад;
[52] Ва хонаро бо хуни паранда, ва бо оби равон, ва бо парандаи
зинда, ва бо чӯби арз, ва бо зуфо, ва бо риштаи қирмизӣ пок мекунад,
[53] Ва парандаи зиндаро берун аз шаҳр, ба саҳро сар медиҳад, ва
хонаро кафорат менамояд, ва он пок хоҳад буд».
[54] Ин аст қонун дар бораи ҳар захми махав ва дар бораи калӣ,
[55] Ва дар бораи махави либос ва хона,
[56] Ва дар бораи варам, ва дар бораи хушкӣ, ва дар бораи доғи
равшан, —
[57] Барои таълим додани он ки кадом вақт ин наҷис аст, ва кадом
вақт ин пок аст. Ин аст қонун дар бораи махав+.

## Дастурҳо дар бораи покии ҷисм.

# 15

1 Ва Худованд ба Мусо ва Ҳорун сухан ронда, гуфт:
2 «Ба банӣ-Исроил сухан ронда, ба онҳо бигӯед: агар касе аз
ҷисми худ ҷараёне дошта бошад, он чи аз ӯ ҷорӣ мешавад, нопок аст.
3 Ва ин аст нопокии ӯ ба сабаби ҷараёни ӯ: хоҳ ҷараёни ӯ аз ҷисми
ӯ ҷорӣ бошад, хоҳ ҷараёни ӯ дар ҷисми ӯ баста бошад, — ин нопокии
ӯст.
4 Ҳар бистаре ки шахси ҷараёндор бар он мехобад, наҷис аст, ва
ҳар ашьёе ки бар он менишинад, наҷис аст.
5 Ва ҳар кӣ ба бистари ӯ мерасад, бояд либосҳои худро бишӯяд ва
дар об ғусл кунад, ва то шом наҷис хоҳад буд+.
6 Ва ҳар кӣ бар ашьёе менишинад, ки шахси ҷараёндор бар он
нишаста буд, бояд либосҳои худро бишӯяд ва дар об ғусл кунад, ва то
шом наҷис хоҳад буд.
7 Ва ҳар кӣ ба бадани шахси ҷараёндор мерасад, бояд либосҳои
худро бишӯяд ва дар об ғусл кунад, ва то шом наҷис хоҳад буд.
8 Ва агар шахси ҷараёндор бар каси пок туф кунад, он кас бояд
либосҳои худро бишӯяд ва дар об ғусл кунад, ва то шом наҷис хоҳад
буд.
9 Ва ҳар зине ки шахси ҷараёндор бар он савор мешавад, наҷис аст.
10 Ва ҳар кӣ ба ҳар он чи дар таги ӯ буд, мерасад, то шом наҷис
хоҳад буд; ва ҳар кӣ он ашьёро мебардорад, бояд либосҳои худро
бишӯяд ва дар об ғусл кунад, ва то шом наҷис хоҳад буд.
11 Ва ҳар касе ки шахси ҷараёндор ба ӯ мерасад, бе он ки
дастҳояшро бо об шуста бошад, бояд либоси худро бишӯяд ва дар об
ғусл кунад, ва то шом наҷис хоҳад буд.
12 Ва зарфи сафолин, ки шахси ҷараёндор ба он мерасад, бояд
шикаста шавад; ва ҳар зарфи чӯбин бояд бо об шуста шавад+.
13 Ва ҳангоме ки шахси ҷараёндор аз ҷараёни худ пок мешавад, ӯ
бояд аз вақти пок шуданаш ҳафт рӯз шумурда, либосҳои худро
бишӯяд ва бадани худро дар оби равон ғусл диҳад, ва пок хоҳад буд;
14 Ва дар рӯзи ҳаштум ӯ барои худ ду фохта ё ду чӯҷаи кабӯтар
мегирад, ва ба хузури Худованд, назди дари хаймаи ҷомеъ, онҳоро ба
коҳин медиҳад+.

15 Ва коҳин якеро ҳамчун қурбонии гуноҳ ва дигареро ҳамчун
қурбонии сӯхтанӣ тақдим мекунад; ва коҳин ӯро ба ҳузури Худованд
аз ҷараёни ӯ кафорат менамояд.
16 Ва агар аз марде ҷараёни нутфа берун ояд, ӯ бояд тамоми
бадани худро дар об ғусл диҳад, ва то шом наҷис хоҳад буд+.
17 Ва ҳар либос ва ҳар пӯст, ки ҷараёни нутфа бар он бошад, бояд
бо об шуста шавад, ва то шом наҷис хоҳад буд.
18 Ва агар ба марде, ҳангоме ки бо зане хобида бошад, ҷараёни
нутфа рӯй диҳад, бояд онҳо дар об ғусл кунанд, ва то шом наҷис
хоҳанд буд.
19 Ва агар зане ҷараён дошта бошад, яъне ҷараёни хуне ки аз
ҷисми вай ҷорӣ мешавад, — вай бояд ҳафт рӯз дар ҳайзи худ
бимонад; ва ҳар кӣ ба вай мерасад, то шом наҷис хоҳад буд+.
20 Ва ҳар чизе ки вай дар вақти ҳайзи худ бар он мехобад, наҷис
аст; ва ҳар чизе ки вай бар он менишинад, наҷис аст.
21 Ва ҳар кӣ ба бистари вай мерасад, бояд либоси худро бишӯяд, ва
дар об ғусл кунад, ва то шом наҷис хоҳад буд.
22 Ва ҳар кӣ ба ҳар ашьёе мерасад, ки вай бар он нишаста буд, бояд
либоси худро бишӯяд ва дар об ғусл кунад, ва то шом наҷис хоҳад
буд.
23 Ва агар бар бистари вай ё бар ашьёе ки вай бар он нишаста буд,
чизе бошад, ҳангоме ки касе ба он чиз мерасад, то шом наҷис хоҳад
буд.
24 Ва агар марде бо вай бихобад, — ҳайзи вай бар ӯ хоҳад буд, ва ӯ
ҳафт рӯз наҷис хоҳад гардид; ва ҳар бистаре ки ӯ бар он мехобад,
наҷис хоҳад буд+.
25 Ва агар зане рӯзҳои бисьёр, бидуни замони ҳайзаш, ҷараёни хун
дошта бошад, ё ки ҷараёнаш зиёда аз замони ҳайзаш давом кунад, —
тамоми айёми ҷараёни нопокии вай мисли рӯзҳои ҳайзи вай хоҳад
буд; вай наҷис аст+.
26 Ҳар бистаре ки вай тамоми айёми ҷараёни худ бар он мехобад,
барои вай мисли бистари ҳайзаш хоҳад буд; ва ҳар ашьёе ки вай бар
он менишинад, мисли нопокии ҳайзи вай наҷис хоҳад буд.
27 Ва ҳар кӣ ба он ашьё мерасад, наҷис хоҳад буд, ва бояд либоси
худро бишӯяд ва дар об ғусл кунад, ва то шом наҷис хоҳад буд.

28 Ва ҳангоме ки вай аз ҷараёни худ фориғ мешавад, вай бояд ҳафт
рӯз барои худ бишморад, ва баъд аз он пок хоҳад буд.
29 Ва дар рӯзи ҳаштум вай ду фохта ё ду чӯҷаи кабӯтар барои худ
мегирад, ва онҳоро ба коҳин, назди дари хаймаи ҷомеъ мебиёрад+.
30 Ва коҳин якеро ҳамчун қурбонии гуноҳ ва дигареро ҳамчун
қурбонии сӯхтанӣ тақдим мекунад; ва коҳин варо ба ҳузури
Худованд аз ҷараёни нопокии вай кафорат менамояд.
31 Пас, банӣ-Исроилро аз нопокии онҳо эҳтиёт кунед, то ки
маскани Маро, ки дар миёни онхост, палид гардонида, дар нопокии
худ намиранд»+.
32 Ин аст қонун дар бораи касе ки ҷараён дорад, ва дар бораи касе
ки нутфа аз вай берун омада, варо наҷис мегардонад,
33 Ва дар бораи зане ки дар вақти ҳайзи худ азият мекашад, ва дар
бораи шахсе ки ҷараён дорад, — хоҳ мард бошад хоҳ зан, — ва дар
бораи марде ки бо зани нопок мехобад.

## Дар бораи рӯзи мусолиҳа.

**16** [1] Ва Худованд ба Мусо баъд аз мурдани ду писари Ҳорун, ки
ба ҳузури Худованд наздик омаданд ва мурданд, сухан ронда,
гуфт;+
[2] Ва Худованд ба Мусо гуфт: «Ба бародарат Ҳорун бигӯ, ки дар қудс
ба пушти пардае ки пеши сарпӯши сандуқ аст, ҳар вақт дохил
нашавад, то ки намирад, зеро ки Ман андаруни абр бар сарпӯш зоҳир
хоҳам шуд+.
[3] Бо ин чизҳо Ҳорун бояд ба қудс дохил шавад: бо гӯсолае барои
қурбонии гуноҳ ва бо қӯчқоре барои қурбонии сӯхтанӣ.
[4] Бигзор пероҳани катони муқаддасро дар бар кунад, ва эзори
катон бар баданаш бошад, ва камарбанди катонро бибандад, ва
аммомаи катонро бипӯшад: инҳо либосҳои муқаддас аст; ва бадани
худро дар об ғусл дода, онҳоро дар бар кунад+.
[5] Ва аз ҷамоати банӣ-Исроил бигзор ду нарбуз барои қурбонии
гуноҳ, ва як қӯчқор барои қурбонии сӯхтанӣ бигирад.
[6] Ва Ҳорун гӯсолаи қурбонии гуноҳро, ки барои худи ӯст, тақдим
карда, худаш ва аҳли байташро кафорат менамояд;
[7] Ва ду нарбузро мегирад, ва онҳоро ба ҳузури Худованд, назди
дари хаймаи ҷомеъ мегузорад.
[8] Ва Ҳорун бар он ду нарбуз қуръа мепартояд: як қуръа барои
Худованд, ва як қуръа барои Азозил*.
[9] Ва Ҳорун нарбузеро, ки қуръа барои Худованд бар он
баромадааст, наздик меоварад, ва онро барои қурбонии гуноҳ
тақдим менамояд.
[10] Ва нарбузеро, ки куръа барои Азозил бар он баромадааст, дар
ҳолати зинда ба ҳузури Худованд мегузорад, то ки бар он кафорат
намояд ва онро барои Азозил ба биёбон бифиристад.
[11] Ва Ҳорун гӯсолаи қурбонии гуноҳро, ки барои худи ӯст, наздик
меоварад, ва худаш ва аҳли байташро кафорат менамояд; ва ин
гӯсолаи қурбонии гуноҳро, ки барои худи ӯст, забҳ мекунад,
[12] Ва маҷмари пур аз лахчаҳои оташро аз болои қурбонгоҳе ки дар
ҳузури Худованд аст, ва ду мушт бухури муаттари сударо гирифта,
ба пушти парда медарояд;

13 Ва бухурро бар оташ ба ҳузури Худованд мемонад, ва абри бухур
сарпӯшеро, ки бар алвоҳи шаҳодат аст, мепӯшонад, то ки ӯ намирад;+
14 Ва аз хуни гӯсола гирифта, бо ангушташ ба тарафи шарқии
сарпӯш мепошад, ва пеши сарпӯш ҳафт карат аз он хун бо ангушташ
мепошад;
15 Ва нарбузи қурбонии гуноҳро, ки барои қавм аст, забҳ мекунад,
ва хуни онро ба пушти парда меоварад, ва бо хунаш ончунон амал
мекунад, ки бо хуни гӯсола амал карда буд, ва онро бар сарпӯш ва
пеши сарпӯш мепошад;
16 Ва қудсро аз нопокиҳои банӣ-Исроил ва аз ҷиноятҳои онҳо, ки
дар ҳамаи гуноҳҳои онҳост, кафорат менамояд; ва бо хаймаи ҷомеъ
низ, ки бо онҳо дар миёни нопокиҳои онҳо сокин аст, чунин амал
мекунад.
17 Ва ҳеҷ кас набояд дар хаймаи ҷомеъ бошад, аз вақте ки ӯ барои
кафорат кардан ба қудс дохил мешавад, то вақте ки берун меояд; ва
ҳамин тавр ӯ худаш, аҳли байташ ва тамоми ҷамоати Исроилро
кафорат менамояд;
18 Ва назди қурбонгоҳе ки дар ҳузури Худованд аст, берун омада,
онро кафорат менамояд, яъне аз хуни гӯсола ва аз хуни нарбуз
гирифта, бар шохҳои қурбонгоҳ гирдогирд мемолад;+
19 Ва бар он аз хун бо ангушташ ҳафт карат мепошад, ва онро аз
нопокиҳои банӣ-Исроил пок мегардонад ва тақдис менамояд;
20 Ва кафорати қудс ва хаймаи ҷомеъ ва қурбонгоҳро ба анҷом
расонида, нарбузи зиндаро наздик меоварад.
21 Ва Ҳорун ду дасти худро бар сари нарбузи зинда мемонад, ва
бар он ҳамаи хатоҳои банӣ-Исроил ва ҳамаи ҷиноятҳои онҳо ва
ҳамаи гуноҳҳои онҳоро эътироф менамояд, ва онҳоро бар сари
нарбуз мегузорад, ва онро ба воситаи шахси махсус ба биёбон
мефиристонад.
22 Ва нарбуз ҳамаи гуноҳҳои онҳоро бар худ бардошта, ба замини
харобазор мебарад; ва он шахс нарбузро дар биёбон сар медиҳад+.
23 Ва Ҳорун ба хаймаи ҷомеъ дохил мешавад, ва либосҳои катонро,
ки ҳангоми дохил шудан ба қудс пӯшида буд, мекашад, ва онҳоро дар
он ҷо мемонад;+
24 Ва бадани худро дар макони муқаддас дар об ғусл медиҳад, ва
либосҳои худро мепӯшад, ва берун омада, қурбонии сӯхтании худаш

ва қурбонии сӯхтании қавмро тақдим мекунад, ва худаш ва қавмро
кафорат менамояд;
25 Ва чарбуи қурбонии гуноҳро бар қурбонгоҳ месӯзонад.
26 Ва он шахс, ки нарбузро барои Азозил бурдааст, бояд либосҳои
худро бишӯяд, ва бадани худро дар об ғусл диҳад, ва баъд аз он
метавонад ба ӯрдугоҳ дохил шавад+.
27 Ва гӯсолаи қурбонии гуноҳ ва нарбузи қурбонии гуноҳро, ки
хунашон барои кафорат ба қудс дароварда шуда буд, бигзор аз
ӯрдугоҳ берун оваранд, ва пӯсти онҳо ва гӯшти онҳо ва саргини
онҳоро дар оташ бисӯзонанд+.
28 Ва он шахс, ки онҳоро месӯзонад, бояд либосҳои худро бишӯяд,
ва бадани худро дар об ғусл диҳад, ва баъд аз он метавонад ба
ӯрдугоҳ дохил шавад.
29 Ва бигзор ин барои шумо фаризаи абадӣ бошад: дар моҳи
ҳафтум, дар рӯзи даҳуми моҳ, ҷонҳои худро бо рӯза азият диҳед ва
ҳеҷ коре накунед, — ҳам тубҷоиён ва ҳам ғарибоне ки дар миёни
шумо маскан гирифта бошанд+.
30 Зеро ки дар ин рӯз коҳин шуморо кафорат менамояд, то ки
шуморо аз хамаи гуноҳҳотон пок гардонад: шумо ба хузури Худованд
пок хоҳед шуд.
31 Ин шанбеи оромист барои шумо, ва шумо ҷонҳои худро бо рӯза
азият диҳед: ин фаризаи абадист.
32 Ва кафоратро бояд коҳине ба амал оварад, ки ӯро тадҳин
намуда, баргумошта бошанд, то ки ба ҷои падараш каҳонат намояд;
ва ӯ либосҳои катон, яъне либосҳои муқаддас дар бар мекунад,+
33 Ва қудси қудсҳоро кафорат менамояд, ва хаймаи ҷомеъ ва
қурбонгоҳро низ кафорат менамояд, ва коҳинон ва тамоми ҷамоати
қавмро кафорат менамояд.
34 Ва ин барои шумо фаризаи абадӣ хоҳад буд, то ки банӣ-Исроил
аз ҳамаи гуноҳҳошон соле як карат кафорат карда шаванд». Ва Ҳорун
ончунон, ки Худованд ба Мусо амр фармуда буд, ба амал овард.

## Дастур дар бораи макони тақдим кардани қурбонӣ.

**17**

[1] Ва Худованд ба Мусо сухан ронда, гуфт:
[2] «Ба Ҳорун ва писаронаш, ва ба тамоми банӣ-Исроил сухан
ронда, ба онҳо бигӯ: ин аст он чи Худованд амр фармуда, гуфтааст:
[3] Ҳар касе ки аз хонадони Исроил гове ё гӯсфанде ё бузе дар
ӯрдугоҳ забҳ мекунад, ё ки берун аз ӯрдугоҳ забҳ мекунад,
[4] Ва онро ба дари хаймаи ҷомеъ намебиёрад, то ки барои
Худованд, пеши маскани Худованд қурбонӣ кунад, — ин барои он кас
хун ҳисоб хоҳад ёфт: вай хун рехтааст, ва он кас аз миёни қавми худ
маҳв хоҳад шуд,
[5] То ки банӣ-Исроил забҳҳои худро, ки дар саҳро забҳ мекунанд,
биёранд, яъне онҳоро барои Худованд ба дари хаймаи ҷомеъ, назди
коҳин биёранд, ва онҳоро ҳамчун забҳҳои саломатӣ барои Худованд
забҳ кунанд;+
[6] Ва коҳин хунро бар қурбонгоҳи Худованд, назди дари хаймаи
ҷомеъ мепошад, ва чарбуро ҳамчун атри гуворо барои Худованд
месӯзонад;+
[7] Ва минбаъд онҳо забҳҳои худро барои девҳое ки пайравӣ
менамоянд, набояд забҳ кунанд. Ин барои онҳо дар наслҳошон
фаризаи абадӣ хоҳад буд+.
[8] Ва ба онҳо бигӯ: ҳар касе ки аз хонадони Исроил, ва аз ғарибоне
ки дар миёни онҳо маскан гирифтаанд, қурбонии сӯхтанӣ ё забҳе
тақдим намояд,
[9] Вале онро ба дари хаймаи ҷомеъ наоварад, то ки онро барои
Худованд тақдим намояд, — он кас аз миёни қавми худ маҳв хоҳад
шуд+.

## Дар бораи хун: аҳамият ва қудсияти он.

[10] Ва ҳар кас аз хонадони Исроил ва аз ғарибоне ки дар миёни онҳо
маскан гирифтаанд, агар ягон хунро бихӯрад, Ман хашми Худро бар
ҷони он хӯрандаи хун равона карда, онро аз миёни қавми Худ маҳв
хоҳам кард,+
[11] Чунки ҷони ҷисм дар хун аст, ва Ман онро ба шумо барои
қурбонгоҳ додаам, то ки ҷонҳои шуморо кафорат намояд, зеро ҳамин
хун аст, ки ҷонро кафорат менамояд+.

12 Бинобар ин Ман ба банӣ-Исроил гуфтаам: ҳеҷ кас аз миёни
шумо хун нахӯрад, ва ғарибе ки дар миёни шумо маскан гирифтааст,
хун нахӯрад.
13 Ва ҳар кас аз банӣ-Исроил ва аз ғарибоне ки дар миёни онҳо
маскан гирифтаанд, агар ҷонваре ё парандаеро, ки хӯрда мешавад,
сайд кунад, бояд хуни онро бирезад ва бо хок бипӯшонад+.
14 Зеро ҷони ҳар ҷисм хуни он аст, яъне ҷонаш дар он аст. Ва Ман
ба банӣ-Исроил гуфтаам: хуни ҳеҷ як ҷисмро нахӯред, зеро ки ҷони
ҳар ҷисм хуни он аст; ҳар кӣ онро бихӯрад, маҳв хоҳад шуд.
15 Ва ҳар кас, хоҳ тубҷоӣ бошад хоҳ ғариб, агар лоша ё
даридашударо бихӯрад, бояд либосҳои худро бишӯяд ва дар об ғусл
кунад, ва то шом наҷис буда, баъд аз он пок хоҳад шуд+.
16 Вале агар либосҳояшро нашӯяд ва баданашро ғусл надиҳад, —
барои гуноҳи худ ҷазо хоҳад ёфт».

## Манъи издивоҷи хешу табори наздик.

# 18

1 •Ва Худованд ба Мусо сухан ронда, гуфт:
2 «Ба банӣ-Исроил сухан ронда, ба онҳо бигӯ: Ман Худованд
Худои шумо ҳастам.
3 Мисли аъмоли замини Миср, ки дар он сокин будед, амал
накунед, ва мисли аъмоли замини Канъон, ки Ман шуморо ба он ҷо
мебарам, амал накунед, ва бар тибқи фароизи онҳо рафтор
нанамоед+.
4 Дастурҳои Маро ба амал оваред ва фароизи Маро риоя намоед, то
ки бар тибқи онҳо рафтор кунед; Ман Худованд Худои шумо ҳастам.
5 Ва фароизу дастурҳои Маро риоя намоед, ки одам онҳоро ба
амал оварда, бо онҳо зинда хоҳад буд; Ман Худованд ҳастам+.
6 Ҳеҷ кас ба ҳеҷ хешованди ҳамҷисми худ наздик нашавад, то ки
авраташро ошкор кунад; Ман Худованд ҳастам.
7 Аврати падаратро, яъне аврати модаратро ошкор накун; вай
модари туст, аврати варо ошкор накун.
8 Аврати зани падаратро ошкор накун; он аврати падари туст+.
9 Аврати хоҳаратро, яъне духтари падарат ё духтари модаратро,
хоҳ мавлуди хона бошад хоҳ мавлуди берун, — аврати онҳоро ошкор
накун+.
10 Аврати духтари писарат ё духтари духтаратро, — аврати онҳоро
ошкор накун, зеро ки инҳо аврати туст.
11 Аврати духтари зани падаратро, ки аз падарат зоида шуда
бошад, — вай хоҳари туст, — аврати варо ошкор накун.
12 Аврати хоҳари падаратро ошкор накун; вай ҳамҷисми падари
туст.
13 Аврати хоҳари модаратро ошкор накун, зеро ки вай ҳамҷисми
модари туст.
14 Аврати бародари падаратро ошкор накун: ба зани вай наздик
нашав; вай янгаи туст.
15 Аврати келинатро ошкор накун; вай зани писари туст, аврати
варо ошкор накун+.
16 Аврати зани бародаратро ошкор накун; ин аврати бародари
туст+.

17 Аврати зан ва духтари варо ошкор накун; духтари писараш ва духтари духтарашро нагир, то ки аврати варо ошкор кунӣ; инҳо ҳамҷисми вай мебошанд, ва ин фисқу фуҷур аст+.

18 Ва занеро бо хоҳараш ҳамчун паланҷи вай нагир, то ки аврати ӯро дар ҳузури вай, ҳангоме ки вай зинда аст, ошкор кунӣ+.

19 Ва ба зан дар вақти нопокии ҳайзи вай наздик нашав, то ки аврати варо ошкор кунӣ+.

20 Ва бо зани ёри худ ҷимоъ накун, то ки нутфа рехта, бо вай наҷис гардӣ+.

21 Ва аз насли худ ҳеҷ якеро барои Мӯлик аз оташ нагузарон, ва исми Худои худро беҳурмат нагардон.

22 Ва бо мард мисли зан ҷимоъ накун; ин кори зишт аст+.

23 Ва бо ҳеҷ чорпо нахусп, то ки бо он наҷис гардӣ; ва зане набояд пеши чорпое биистад, то ки бо он ҷимоъ кунад; ин қабоҳат аст+.

24 Бо ҳеҷ яке аз инҳо худро наҷис нагардонед, зеро халқҳое ки Ман онҳоро аз пеши шумо бадар меронам, худро бо ҳамаи инҳо наҷис гардонидаанд.

25 Ва замин наҷис гардид, ва Ман онро барои гуноҳаш ҷазо додам, ва замин сокинони худро қай намуд+.

26 Вале шумо фароизу дастурҳои Маро риоя намоед, ва ҳеҷ якеро аз ин қабоҳатҳо ба амал наоваред, — хоҳ тубҷоиён хоҳ ғарибоне ки дар миёни шумо маскан гирифтаанд;

27 Зеро мардумони ин замин, ки пеш аз шумо буданд, ҳамаи ин қабоҳатҳоро ба амал меоварданд, ва замин наҷис гардид;

28 Мабодо ин замин шуморо низ, агар онро наҷис гардонед, қай кунад, чунон ки халқҳоеро, ки пеш аз шумо буданд, қай кардааст.

29 Зеро ҳар касе ки яке аз ин қабоҳатҳоро ба амал оварад, ҷонҳои ба амал овардагон аз миёни қавми худ маҳв хоҳанд шуд.

30 Пас, фармони Маро риоя намоед, то ки бар тибқи он урфу одатҳои зишт, ки пеш аз шумо ба амал оварда шудааст, амал накунед, ва бо онҳо худро наҷис нагардонед. Ман Худованд Худои шумо ҳастам».

## Баёни даҳ аҳком.

19 [1] Ва Худованд ба Мусо сухан ронда, гуфт:
[2] «Ба тамоми ҷамоати банӣ-Исроил сухан ронда, ба онҳо
бигӯ: муқаддас бошед, зеро ки Ман, Худованд Худои шумо, қуддус
ҳастам+.
[3] Ҳар яке аз модари худ ва аз падари худ тарсон бошед, ва
шанбеҳои Маро риоя намоед. Ман Худованд Худои шумо ҳастам+.
[4] Ба бутҳо рӯ наоваред, ва худоҳои рехташуда барои худ насозед.
Ман Худованд Худои шумо ҳастам+.
[5] Ва ҳангоме ки қурбонии саломатӣ барои Худованд забҳ мекунед,
онро тавре забҳ кунед, ки сазовори таваҷҷӯҳ гардед+.
[6] Дар рӯзе ки онро забҳ мекунед, ва фардояш он бояд хӯрда шавад,
ва он чи то рӯзи сеюм боқӣ мемонад, бояд дар оташ сӯзонида шавад.
[7] Ва агар дар рӯзи сеюм хӯрда шавад, ин қабеҳ аст, сазовори
таваҷҷӯҳ намегардад.
[8] Ва ҳар кӣ онро бихӯрад, барои гуноҳаш ҷазо хоҳад ёфт, зеро ки
чизи муқаддаси Худовандро беҳурмат кардааст, ва он кас аз миёни
қавми худ маҳв хоҳад шуд.
[9] Ва ҳангоме ки ҳосили замини худро дарав мекунед, канораи
киштзори худро то ба охир дарав накунед, ва хӯшаҳои аз бандҳо
афтодаро начинед+.
[10] Ва токзори худро доначинӣ накун, ва шингилҳои афтодаи
токҳоятро начин: онҳоро барои бенаво ва ғариб бимон. Ман
Худованд Худои шумо ҳастам+.
[11] Дуздӣ накунед, ва мункир нашавед, ва ба якдигар дурӯғ нагӯед+.
[12] Ва ба исми Ман қасами дурӯғ нахӯред, ки исми Худои худро бо
ин беҳурмат хоҳед кард. Ман Худованд ҳастам+.
[13] Ҳаққи ёри худро нахӯр ва ғоратгарӣ накун, музди меҳнати
муздурро назди худ то субҳ нигоҳ надор+.
[14] Карро ҳақорат накун, ва пеши кӯр монеае нагузор, — аз Худои
худ тарсон бош. Ман Худованд ҳастам.
[15] Дар мурофиа беинсофӣ накун, ба камбағал рӯбинӣ нанамо ва ба
шахси бузург тамаллуқ накун; ёри худро аз рӯи инсоф доварӣ намо+.
[16] Дар миёни қавми худ ғайбатгӯӣ накун, нисбат ба хуни ёри худ
бепарво набош. Ман Худованд ҳастам+.

17 Ба бародарат дар дили худ адоват накун; ёратро мазаммат намо,
ва барои ӯ гуноҳкор нахоҳӣ шуд+.
18 Аз фарзандони қавми худ интиқом накаш ва кина ба дил нагир,
ва ёратро мисли худат дӯст дор. Ман Худованд ҳастам+.
19 Фароизи Маро риоят кунед; чорпои худро бо ҷинси ғайр ҷуфтӣ
нанамо; киштзори худро бо ду навъ тухмӣ кишт накун; ва либоси
иборат аз ду навъ матоъ, яъне аз пашм ва катон, напӯш+.
20 Ва агар марде бо зане хобида нутфа резад, ва он зан каниз ва
номзади касе бошад, вале ҳанӯз барояш фидия дода нашуда бошад, ё
озодӣ ба вай дода нашуда бошад, — онҳо бояд ба ҷазо мустаҳиқ карда
шаванд, аммо набояд кушта шаванд, зеро ки вай озод карда
нашудааст.
21 Бигзор он мард қурбонии ҷурми худро, яъне қӯчқори қурбонии
ҷурмро барои Худованд назди дари хаймаи ҷомеъ биёрад.
22 Ва коҳин варо бо қӯчқори қурбонии ҷурм ба ҳузури Худованд
барои гуноҳе ки кардааст, кафорат менамояд, ва ӯ аз гуноҳе ки
кардааст, омурзида хоҳад шуд.
23 Ва ҳангоме ки ба замин дохил шавед ва ҳар навъ дарахти
мевадор шинонед, — меваи онро номахтун ҳисоб кунед: се сол он
бояд барои шумо номахтун ҳисоб ёфта, хӯрда нашавад.
24 Ва дар соли чорум тамоми меваи он бояд барои иди ҳамду
санои Худованд тақдис карда шавад.
25 Ва дар соли панҷум меваи онро метавонед бихӯред, ва ҳосили
он барои шумо афзун хоҳад шуд. Ман Худованд Худои шумо ҳастам.
26 Ҳеҷ чизро бо хун нахӯред; фол накушоед ва афсун накунед+.
27 Канораи мӯи сари худро гирдогирд қайчӣ накунед, ва канораи
риши худро натарошед+.
28 Ва бадани худро барои мурда нахарошед, ва ҳеҷ нақше бар худ
вашм накунед. Ман Худованд ҳастам+.
29 Духтари худро беисмат намуда, ба роҳи фаҳш наандоз, то ки
замин ба зино дода нашавад, ва замин пур аз фисқу фуҷур нагардад+.
30 Шанбеҳои Маро риоя намоед, ва қудси Маро ҳурмат кунед. Ман
Худованд ҳастам+.
31 Ба ҷодугарон ва азоимхонон рӯ наоваред; аз паи он нашавед, ки
худро аз онҳо наҷис гардонед. Ман Худованд Худои шумо ҳастам+.

32 Пеши мӯйсафед бархез ва пирро эҳтиром намо, ва аз Худои худ
тарсон бош. Ман Худованд ҳастам+.
33 Ва ҳангоме ки ғарибе бо шумо дар замини шумо маскан гирад,
варо озор надиҳед+.
34 Ғарибе ки дар миёни шумо маскан гирифтааст, бигзор барои
шумо мисли тубҷоии шумо бошад; ва ӯро мисли худат дӯст дор, зеро
ки шумо дар замини Миср ғариб будед. Ман Худованд Худои шумо
ҳастам+.
35 Дар мурофиа, дар андоза, дар вазн ва дар паймоиш беинсофӣ
накунед.
36 Бигзор шуморо тарозуи дуруст, сангҳои дуруст, эфаи дуруст ва
ҳини дуруст бошад. Ман Худованд Худои шумо ҳастам, ки шуморо аз
замини Миср берун овардаам+.
37 Пас, тамоми фароизи Маро ва ҳамаи дастурҳои Маро риоя
намоед, ва онҳоро ба амал оваред. Ман Худованд ҳастам».

## Чораҳои ҷазо барои гуноҳҳои гуногун.

**20** 1 Ва Худованд ба Мусо сухан ронда, гуфт:
2 «Инро низ ба банӣ-Исроил бигӯ: ҳар кӣ аз банӣ-Исроил ва
аз ғарибоне ки дар Исроил маскан гирифтаанд, аз насли худ ба
Мӯлик бидиҳад, бигзор кушта шавад: бигзор қавми замин варо
сангсор кунанд+.
3 Ва Ман хашми Худро ба он кас хоҳам нигаронид ва ӯро аз миёни
қавмаш маҳв хоҳам кард, зеро ки ӯ аз насли худ ба Мӯлик додааст, то
ки қудси Маро наҷис ва исми қуддуси Маро беҳурмат гардонад+.
4 Ва агар қавми замин чашмони худро аз он кас бипӯшонанд,
вақте ки ӯ аз насли худ ба Мӯлик медиҳад, ва ӯро накушанд, —+
5 Дар он сурат Ман хашми Худро ба он кас ва ба оилаи ӯ хоҳам
нигаронид, ва ӯ ва ҳамаи онҳоеро, ки аз паи ӯ зино карда, ба Мӯлик
зинокорона пайравӣ намудаанд, аз миёни қавми онҳо маҳв хоҳам
сохт.
6 Ва касе ки ба ҷодурагон ва азоимхонон рӯ меоварад, то ки ба
онҳо зинокорона пайравӣ намояд, — Ман хашми Худро ба он кас
нигаронида, ӯро аз миёни қавмаш маҳв хоҳам кард+.
7 Ва шумо худро тақдис намуда, одамони муқаддас бошед, зеро ки
Ман Худованд Худои шумо ҳастам+.
8 Ва фароизи Маро риоя намоед, ва онҳоро ба амал оваред. Ман
Худованд ҳастам, ки шуморо тақдис менамоям.
9 Ҳар кӣ падари худ ё модари худро ҳақорат кунад, бояд ҳатман
кушта шавад: модоме ки вай падари худ ё модари худро ҳақорат
кардааст, хунаш бар гарданаш хоҳад буд+.
10 Ва касе ки бо зани шавҳардор зино кунад, яъне касе ки бо зани
ёри худ зино кунад, — бигзор он марди зинокор ва он зани зинокор
кушта шаванд+.
11 Ва касе ки бо зани падари худ хобида, аврати падари худро
ошкор кардааст, — бигзор ҳар дуяшон кушта шаванд; хунашон бар
гардани онҳост+.
12 Ва касе ки бо келини худ бихобад, — бигзор ҳар дуяшон кушта
шаванд; кори зиште кардаанд, хунашон бар гардани онҳост+.
13 Ва касе ки бо марде бихобад, мисли он ки бо зан мехобанд, —
ҳар дуяшон кори зиште кардаанд; бигзор онҳо кушта шаванд,

хунашон бар гардани онҳост+.
[14] Ва касе ки зан ва модари варо бигирад, ин фисқу фуҷур аст; ӯ ва
онҳо бояд дар оташ сӯзонида шаванд, то ки фисқу фуҷур дар миёни
шумо набошад+.
[15] Ва касе ки бо чорпое ҷимоъ кунад, — бигзор вай кушта шавад; он
чорпоро низ бикушед+.
[16] Ва зане ки ба ягон чорпо наздик шавад, то ки он бо вай ҷимоъ
кунад, — он зан ва он чорпоро бикуш; бигзор онҳо кушта шаванд,
хунашон бар гардани онҳост.
[17] Ва касе ки хоҳари худро, яъне духтари падараш ё духтари
модарашро бигирад, ва аврати варо бубинад, вай низ аврати ӯро
бубинад, — ин расвоист; бигзор онҳо дар пеши назари фарзандони
қавми худ маҳв карда шаванд; ӯ аврати хоҳарашро ошкор кардааст, —
барои гуноҳаш ҷазо хоҳад ёфт+.
[18] Ва касе ки бо зане дар вақти хайзи вай хобида, аврати варо
ошкор кунад, азбаски ӯ чашмаи хуни варо яла кардааст, ва вай
чашмаи хуни худро ошкор кардааст, — бигзор ҳар дуяшон аз миёни
қавми худ маҳв карда шаванд+.
[19] Ва аврати хоҳари модари худ ва хоҳари падари худро ошкор
накун; он кас аврати ҳамҷисми худро ошкор кардааст; онҳо барои
гуноҳи худ ҷазо хоҳанд ёфт+.
[20] Ва касе ки бо янгаи худ бихобад, — аврати амаки (ё тағои) худро
ошкор кардааст; онҳо барои гуноҳи худ чазо хоҳанд ёфт, бефарзанд
хоҳанд мурд+.
[21] Ва касе ки зани бародари худро бигирад, — ин кори зишт аст: ӯ
аврати бародари худро ошкор кардааст; онҳо бефарзанд хоҳанд буд+.
[22] Пас, тамоми фароизи Маро ва тамоми аҳкоми Маро риоя
намоед, ва онҳоро ба амал оваред, то замине ки Ман шуморо ба он ҷо
мебарам, то ки дар он сокин шавед, шуморо қай накунад.
[23] Ва бар тибқи фароизи халқҳое ки Ман онҳоро аз пеши шумо
бадар меронам, рафтор накунед; зеро ки онҳо ҳамаи ин корҳоро
карданд, ва Ман аз онҳо нафрат намудам.
[24] Ва ба шумо гуфтам: „Шумо замини онҳоро мерос хоҳед гирифт,
ва Ман онро ба шумо хоҳам дод, то ки онро тасарруф намоед, —
замине ки шир ва асал дар он ҷорист“. Ман Худованд Худои шумо
ҳастам, ки шуморо аз қавмҳо фарқ кардаам+.

[25] Пас, шумо низ чорпоёни покро аз наҷис, ва парандагони покро
аз наҷис фарқ кунед, ва ҷонҳои худро бо чорпоён ва парандагон ва
ҳар чизе ки бар замин мехазад, наҷис нагардонед, ки Ман онҳоро
ҳамчун чизҳои наҷис барои шумо фарқ кардаам+.
[26] Ва шумо барои Ман муқаддас бошед, зеро ки Ман, Худованд,
қуддус ҳастам, ва шуморо аз қавмҳо фарқ кардаам, то ки аз они Ман
бошед+.
[27] Ва мард ё зане ки ҷодугар ё азоимхон бошанд, бигзор кушта
шаванд: онҳо бояд сангсор карда шаванд, — хунашон бар гардани
онҳост»+.

## Дастурҳо ба коҳинон.

21 [1] Ва Худованд ба Мусо гуфт: «Ба коҳинон, яъне ба писарони
Ҳорун сухан ронда, ба онҳо бигӯ: касе аз онҳо худро бо мурдае
аз миёни қавми худ наҷис нагардонад,+
[2] Балки фақат бо ҳамҷисми ба худаш наздик: бо модараш ва
падараш ва писараш ва духтараш ва бародараш,
[3] Ва хоҳари бокирааш, ки ба ӯ наздик буда, ҳанӯз шавҳар
накардааст, — метавонад худро наҷис гардонад;
[4] Ҳамчун шахси зандор набояд ӯ худро дар миёни қавми худ бо
мурдае наҷис гардонида, палид шавад.
[5] Бигзор онҳо мӯи сари худро нагиранд, ва каноран риши худро
натарошанд, ва бадани худро харош накунанд+.
[6] Онҳо бояд барои Худои худ муқаддас бошанд, ва исми Худои
худро беҳурмат накунанд, зеро ки онҳо қурбониҳои оташини
Худовандро, яъне нони Худои худро тақдим менамоянд, ва бояд
муқаддас бошанд+.
[7] Зани зинокор ва беисматро набояд бигиранд, ва зани аз
шавҳараш талоқгирифтаро набояд бигиранд, зеро ки коҳин барои
Худои худ муқаддас аст+.
[8] Ва ту ӯро тақдис намо, зеро ки ӯ нони Худои туро тақдим
менамояд; бигзор ӯ барои ту муқаддас бошад, зеро Ман, Худованде
ки шуморо тақдис менамоям, қуддус ҳастам+.
[9] Ва агар духтари коҳин бо зинокорӣ худро палид созад, вай
падари худро палид месозад; бигзор вай дар оташ сӯзонида шавад+.
[10] Ва коҳине ки аз бародарони худ бузург аст, яъне бар сараш
равғани тадҳин рехта шудааст, ва барои пӯшидани либосҳо
баргумошта шудааст, — бигзор сари худро накшояд, ва либосҳои
худро чок назанад,+
[11] Ва ба ҳеҷ каси мурда наздик нашавад: худро ҳатто бо падараш ва
модараш наҷис нагардонад,+
[12] Ва аз қудс берун набарояд, ва қудси Худои худро палид накунад,
зеро ки афсари равғани тадҳини Худои ӯ бар ӯст. Ман Худованд
ҳастам+.
[13] Ва ӯ бояд зани бокирае бигирад.

14 Бева, талоқгирифта, палидшуда ва фоҳишаро ӯ набояд бигирад,
балки бояд бокирае аз миёни қавми худ ба занӣ бигирад+.
15 Ва набояд насли худро дар қавми худ палид созад, зеро Ман
Худованде ҳастам, ки ӯро тақдис менамоям».
16 Ва Худованд ба Мусо сухан ронда, гуфт:
17 «Ба Ҳорун сухан ронда, бигӯ: ҳеҷ кас аз зурьёти ту дар наслҳои
онҳо, ки маъюбие дошта бошад, набояд наздик ояд, то ки нони Худои
худро тақдим намояд,
18 Яъне ҳар касе ки маъюб аст, наздик наояд: на кӯр, на ланг, на
пучуқ, на аъҷуба,+
19 На шахси шикастапой ё шикастадаст,
20 На кӯзпушт, на лоғарбадан, на шахсе ки ба чашмаш гул
афтодааст, на пес, на кал, на шахсе ки байзаҳояш маҷақ шудааст.
21 Хар касе ки аз насли Ҳоруни коҳин маъюбӣ дошта бошад,
набояд наздик ояд, то ки қурбониҳои оташини Худовандро тақдим
намояд; азбаски вай маъюб аст, набояд барои тақдим кардани нони
Худои худ наздик ояд.
22 Нони Худои худро вай аз он чи қудси қудсҳост, ва аз он чи
ҳадияҳои муқаддас аст, метавонад бихӯрад.
23 Аммо бигзор вай назди парда наояд, ва ба қурбонгоҳ наздик
нашавад, зеро ки вай маъюб аст, ва қудсҳои Маро палид насозад, зеро
Ман Худованд ҳастам, ки онҳоро тақдис менамоям».
24 Ва Мусо ба Ҳорун ва писаронаш, ва ба тамоми банӣ-Исроил
сухан ронд.

## Коҳинон насли баргузидагонанд.

22 [1] Ва Худованд ба Мусо сухан ронда, гуфт:
[2] «Ба Ҳорун ва писаронаш бигӯ, ки аз ҳадияҳои муқаддаси
банӣ-Исроил, ки ба Ман мебахшанд, канорагирӣ кунанд, ва исми
қуддуси Маро палид нагардонанд. Ман Худованд ҳастам.
[3] Ба онҳо бигӯ: дар наслҳои шумо, ҳар касе ки аз тамоми зурьёти
шумо ба ҳадияҳои муқаддасе ки банӣ-Исроил ба Худованд
бахшидаанд, наздик шавад, ва нопокияш бар вай бошад, — он кас аз
ҳузури Ман маҳв хоҳад шуд. Ман Худованд ҳастам+.
[4] Ҳар касе ки аз насли Ҳорун махав ё ҷараён дошта бошад, то пок
нашавад, набояд аз ҳадияҳои муқаддас бихӯрад. Ва касе ки ба ҳар
шахси аз мурда наҷисшуда мерасад, ё ба шахсе ки нутфа аз вай
рехтааст,+
[5] Ё ба шахсе ки ба ҳар ҳашарот расида наҷис гардидааст, ё ба шахсе
ки аз ҳар гуна нопокии вай наҷис мешавад, —
[6] Он касе ки ба яке аз инҳо мерасад, то шом наҷис хоҳад буд, ва то
бадани худро дар об ғусл надиҳад, набояд аз ҳадияҳои муқаддас
бихӯрад.
[7] Ва ҳангоме ки офтоб ғуруб кунад, ӯ пок хоҳад шуд, ва баъд аз он
ӯ метавонад аз ҳадияҳои муқаддас бихӯрад, зеро ки ин нони ӯст.
[8] Лоша ва даридашударо набояд ӯ бихӯрад, то ки начис нашавад.
Ман Худованд ҳастам+.
[9] Бигзор онҳо фармудаи Маро риоя намоянд, то ки барои он
гуноҳкор шуда ҷазо наёбанд, ва онро поймол карда, аз боиси он
намиранд. Ман Худованд ҳастам, ки онҳоро тақдис менамоям.
[10] Ҳеҷ каси бегона набояд аз ҳадияи муқаддас бихӯрад; сокини
хонаи коҳин ва муздури ӯ набояд аз ҳадияи муқаддас бихӯрад+.
[11] Ва агар коҳин касеро ба пули худ харида бошад, вай зархариди
ӯст, ва метавонад аз он бихӯрад; хоназодони ӯ низ метавонанд нони
ӯро бихӯранд+.
[12] Вале духтари коҳин, агар ба марди бегона ба шавҳар рафта
бошад, набояд аз ҳадияҳои муқаддас бихӯрад.
[13] Валекин духтари коҳин, агар бева шавад ё талоқ гирад, ва бача
надошта бошад, ва ба хонаи падараш баргардад, чунон ки дар айёми

бачагияш буд, — вай метавонад аз нони падараш бихӯрад; аммо ҳеҷ каси бегона набояд аз он бихӯрад.
14 Ва агар касе саҳван аз ҳадияи муқаддас бихӯрад, вай бояд
панҷьяки онро бар он илова намуда, ҳадияи муқаддасро ба коҳин бидиҳад+.
15 Бигзор ҳадияҳои муқаддаси банӣ-Исроилро, ки ба Худованд
тақдим менамоянд, палид насозанд,
16 Ва бо хӯрдани ҳадияҳои муқаддаси онҳо боиси гуноҳ ва ҷазои
онҳо нашаванд, зеро Ман Худованд ҳастам, ки онҳоро тақдис менамоям».

## Дар бораи беайбии қурбониҳо.

17 Ва Худованд ба Мусо сухан ронда, гуфт:
18 «Ба Ҳорун ва писаронаш ва ба тамоми банӣ-Исроил сухан ронда,
ба онҳо бигӯ: ҳар кас аз хонадони Исроил ва аз ғарибони дохили Исроил, ки қурбонии худро тақдим менамояд, хоҳ он мувофиқи ягон назри онҳо бошад, хоҳ ҳамчун инъоме ки ба Худованд барои қурбонии сӯхтанӣ тақдим менамоянд, —
19 Барои он ки шумо сазовори таваҷҷӯҳ гардед, бигзор он наринаи
беайбе аз говон ё аз гӯсфандон ва ё аз бузон бошад.
20 Ҳар чиро, ки айбе дошта бошад, тақдим нанамоед, зеро ки он
барои шумо ҳусни таваҷҷӯҳ нахоҳад овард+.
21 Ва агар касе забҳи саломатӣ барои Худованд тақдим намояд, хоҳ
барои иҷрои назр бошад, хоҳ ҳамчун инъоме аз говон ё аз бузу гӯсфандон, — он бояд беайб бошад, то ки сазовори таваҷҷӯҳ гардад; ҳеҷ айбе набояд дар он бошад.
22 Кӯр ё шикастаандом, ё яғир, ё обиладор, ё пес, ё кал, — инҳоро
барои Худованд тақдим нанамоед, ва аз инҳо қурбонии оташин барои Худованд бар қурбонгоҳ наоваред.
23 Ва гов ва гӯсфанде ки ягон андомаш аз ҳад зиёд дароз ё кӯтоҳ
бошад, — онро ҳамчун инъом тақдим намо, вале ҳамчун назр мақбул нахоҳад афтод.
24 Ва чорпоеро, ки байзаҳояш маҷақ, ё кӯфта, ё канда, ё бурида
шудааст, барои Худованд тақдим нанамоед, ва дар заминатон ин корро накунед;

25 Ва аз дасти аҷнабиён нони Худои худро аз ҳеҷ кадоми инҳо
тақдим нанамоед, зеро ки онҳо нуқсон доранд, яъне маъюбанд; ба
воситаи онҳо сазовори таваҷҷӯҳ нахоҳед шуд».
26 Ва Худованд ба Мусо сухан ронда, гуфт:
27 «Вақте ки гӯсола, ё барра, ё бузғола зоида мешавад, ҳафт рӯз
бояд назди модараш бимонад, ва аз рӯзи ҳаштум ва минбаъд он
ҳамчун қурбонии оташин барои Худованд мақбул хоҳад афтод+.
28 Вале гов ё гӯсфандро бо бачаи он дар як рӯз забҳ накунед+.
29 Ва ҳангоме ки забҳи шукрона барои Худованд тақдим
менамоед, онро тавре тақдим намоед, ки сазовори таваҷҷӯҳ гардед:+
30 Дар ҳамои рӯз он бояд хӯрда шавад; то субҳ аз он боқӣ
нагузоред. Ман Худованд ҳастам+.
31 Ва аҳкоми Маро риоя намоед ва онҳоро ба амал оваред. Ман
Худованд ҳастам.
32 Ва исми қуддуси Маро беҳурмат накунед, то ки Ман дар миёни
банӣ-Исроил тақдис ёбам. Ман Худованд ҳастам, ки шуморо тақдис
менамоям,
33 Ва шуморо аз замини Миср берун овардаам, то ки Худои шумо
бошам. Ман Худованд ҳастам»+.

## Идҳои Худованд: Шанбе.

23 [1] Ва Худованд ба Мусо сухан ронда, гуфт:
[2] «Ба банӣ-Исроил сухан ронда, ба онҳо бигӯ: идҳои
Худованд, ки онҳоро шумо бояд ҷамъомадҳои муқаддас бихонед, —
инҳоянд идҳои Ман:
[3] Шаш рӯз кор бояд кард, ва дар рӯзи ҳафтум шанбеи оромӣ,
ҷамъомади муқаддас мебошад; ҳеҷ кор накунед; он дар ҳамаи
масканҳои шумо шанбе барои Худованд аст+.

## Фисҳ.

[4] Инҳо идҳои Худованд, ҷамъомадҳои муқаддас мебошанд, ки
онҳоро шумо бояд дар вақташ даъват намоед:
[5] Дар моҳи якум, дар рӯзи чордаҳуми моҳ, шомгоҳ, фисҳи
Худованд аст+.

## Иди фатир.

[6] Ва дар рӯзи понздаҳуми ин моҳ фатир барои Худованд аст; хафт
рӯз фатир бихӯред.
[7] Дар рӯзи якум бигзор ҷамъомади муқаддас барои шумо бошад;
ҳеҷ кор накунед.
[8] Ва ҳафт рӯз қурбониҳои оташин барои Худованд тақдим намоед;
дар рӯзи ҳафтум ҷамъомади муқаддас аст; ҳеҷ кор накунед»+.

## Иди навбарҳо.

[9] Ва Худованд ба Мусо сухан ронда, гуфт:
[10] «Ба банӣ-Исроил сухан ронда, ба онҳо бигӯ: чун ба замине ки
Ман ба шумо медиҳам, биёед, ва ҳосили онро дарав намоед, — банди
аввали навбарҳои даравидаи худро назди коҳин биёред+.
[11] Ва ӯ он бандро ба ҳузури Худованд меҷунбонад, то ки шумо
сазовори таваҷҷӯҳ гардед; дар рӯзи дуюми ид коҳин онро
меҷунбонад.
[12] Ва дар рӯзе ки шумо он бандро меҷунбонед, барраи яксолаи
беайбе барои қурбонии сӯхтанӣ ба Худованд тақдим намоед.
[13] Ва ҳадияи ордии он ду ушр орди маҳини омехта бо равған хоҳад
буд, то ки қурбонии оташин ва атри гуворо барои Худованд бошад; ва
ҳадияи рехтании он чорьяк ҳин шароб хоҳад буд.
[14] Ва нон, ва хӯшабирьён, ва хӯшаи тару тоза нахӯред то ҳамои
рӯзе ки қурбонии Худои худро тақдим намоед; ин фаризаи абадист
барои наслҳои шумо дар ҳамаи масканҳои шумо.

## Иди ҷунбонидани қурбонӣ.

[15] Ва аз рӯзи дуюми ид, яъне аз рӯзе ки банди ҷунбониданиро
меоваред, барои худ ҳафт ҳафта бишуморед, ки онҳо пурра бошанд;+
[16] То рӯзи аввали баъд аз ҳафтаи ҳафтум панҷоҳ рӯз бишуморед,
ва он гоҳ ҳадияи ордии наве барои Худованд тақдим намоед.
[17] Аз масканҳои худ ду нони чунбониданӣ тақдим намоед, ки аз ду
ушр орди маҳин иборат бошад, ва бо хамиртуруш пухта шавад, — ин
навбарҳо барои Худованд аст.
[18] Ва бо ин нон ҳафт барраи беайби яксола, ва як гӯсолаи нар, ва ду
қӯчқор тақдим намоед; инҳо қурбонии сӯхтанӣ барои Худованд

хоҳад буд, ва ҳадияҳои ордӣ ва рехтании онҳо — қурбонии оташин ва атри гуворо барои Худованд.
19 Ва як нарбузро барои қурбонии гуноҳ, ва ду барраи яксоларо барои забҳи саломатӣ тақдим намоед.
20 Ва коҳин онҳоро бо нони ҷунбонидании навбарҳо ба ҳузури Худованд бо якҷоягии он ду барра бояд биҷунбонад, — онҳо барои Худованд муқаддас буда, ба коҳин тааллуқ хоҳанд дошт.
21 Ва дар ҳамон рӯз эълон намоед, ки он барои шумо ҷамъомади муқаддас бошад; ҳеҷ кор накунед; ин фаризаи абадист дар ҳамаи масканҳои шумо барои наслҳои шумо.
22 Ва ҳангоме ки ҳосили замини худро дарав мекунед, канораи киштзори худро дар вақти дарав то ба охир дарав накунед, ва хӯшаҳои дар вақти дарав афтодаро начинед: онҳоро барои бенавоён ва ғарибон боқӣ бигузоред. Ман Худованд Худои шумо ҳастам»+.

## Иди ёдгории навохтани карнайҳо.

23 Ва Худованд ба Мусо сухан ронда, гуфт:
24 «Ба банӣ-Исроил сухан ронда, бигӯ: дар моҳи ҳафтум, дар рӯзи якуми моҳ, бигзор барои шумо оромӣ бошад, яъне иди ёдгории навохтани карнайҳо ва ҷамъомади муқаддас+.
25 Ҳеҷ кор накунед, ва қурбонии оташин барои Худованд тақдим намоед».

## Рӯзи кафорат.

26 Ва Худованд ба Мусо сухан ронда, гуфт:
27 «Аммо рӯзи даҳуми ин моҳи ҳафтум рӯзи кафорат аст; бигзор барои шумо ҷамъомади муқаддас бошад; ҷонҳои худро азият диҳед, ва қурбонии оташин барои Худованд тақдим намоед+.
28 Ва дар ин рӯз ҳеҷ кор накунед, зеро ки ин рӯзи кафорат аст, то ки шуморо ба ҳузури Худованд Худои шумо кафорат намояд.
29 Зеро ҳар касе ки дар ин рӯз ҷони худро азият намедиҳад, аз миёни қавми худ маҳв хоҳад шуд.
30 Ва ҳар касе ки дар ин рӯз ягон кор мекунад, Ман ҷони варо аз миёни қавми вай нест хоҳам кард.
31 Ҳеҷ кор накунед; ин фаризаи абадист барои наслҳои шумо дар ҳамаи масканҳои шумо.

[32] Ин барои шумо мисли шанбеи оромист, ва шумо ҷонҳои худро
азият диҳед; дар шомгоҳи рӯзи нӯҳуми моҳ, аз шом то шом, ин
шанбеи худро риоя намоед».

## Иди хаймаҳо.

[33] Ва Худованд ба Мусо сухан ронда, гуфт:
[34] «Ба банӣ-Исроил сухан ронда, бигӯ: дар рӯзи понздаҳуми ин
моҳи ҳафтум — иди хаймаҳо ҳафт рӯз барои Худованд аст+.
[35] Дар рӯзи аввал ҷамъомади муқаддас аст: ҳеҷ кор накунед.
[36] Ҳафт рӯз қурбонии оташин барои Худованд тақдим намоед; дар
рӯзи ҳаштум бигзор ҷамъомади муқаддас барои шумо бошад, ва
шумо қурбонии оташин барои Худованд тақдим намоед; ин маҷлиси
қавм аст, ҳеҷ кор накунед.
[37] Инҳо идҳои Худованд аст, ки дар онҳо шумо бояд ҷамъомадҳои
муқаддасро даъват намоед, то ки қурбониҳои оташин барои
Худованд тақдим кунед, яъне қурбонии сӯхтанӣ, ҳадияи ордӣ,
забҳҳо ва ҳадияҳои рехтанӣ, — ҳар якеро дар ҳар рӯзе ки барои он
муқаррар карда шудааст,
[38] Ба замми қурбониҳои шанбеҳои Худованд, ва ба замми ушрҳои
шумо, ва ба замми ҳамаи назрҳои шумо, ва ба замми ҳамаи
инъомҳои шумо, ки барои Худованд тақдим менамоед.
[39] Аммо дар рӯзи понздаҳуми моҳи ҳафтум, вақте ки шумо ҳосили
замини худро мебардоред, иди Худовандро ҳафт рӯз ид кунед; дар
рӯзи аввал оромӣ хоҳад буд, ва дар рӯзи ҳаштум — оромӣ+.
[40] Ва дар рӯзи аввал меваи аз дарахти зебо, навдаҳои дарахти
хурмо, ва шохаҳои дарахти пурбарг ва бедҳои наҳрро барои худ
бигиред, ва ба ҳузури Худованд Худои худ ҳафт рӯз хурсандӣ кунед+.
[41] Ва ин идро ҳар сол ҳафт рӯз барои Худованд ид кунед; ин
фаризаи абадист барои наслҳои шумо; дар моҳи ҳафтум онро ид
кунед.
[42] Ҳафт рӯз дар хаймаҳо сокин бошед; ҳар як тубҷой дар Исроил
бояд дар хаймаҳо сокин бошад,
[43] То наслҳои шумо бидонанд, ки Ман банӣ-Исроилро дар хаймаҳо
сокин гардонида будам, вақте ки онҳоро аз замини Миср берун
овардам. Ман Худованд Худои шумо ҳастам».
[44] Ва Мусо идҳои Худовандро ба банӣ-Исроил эълон намуд.

## Фароиз дар бораи чароғҳо ва дар бораи нонҳои тақдим.

24 1 Ва Худованд ба Мусо сухан ронда, гуфт:
2 «Ба банӣ-Исроил амр фармо, ки ба ту равғани зайтуни
зулоли кӯфташуда барои рӯшноӣ биёранд, то ки чароғ ба таври
доимӣ даргиронида шавад+.
3 Ҳорун бояд онро берун аз пардаи шаҳодат дар хаймаи ҷомеъ, аз
шом то субҳ, ба ҳузури Худованд ба таври доимӣ бимонад; ин
фаризаи абадист барои наслҳои шумо.
4 Бигзор чароғҳоро бар чароғдони пок ба таври доимӣ ба ҳузури
Худованд бимонад.
5 Ва орди маҳин бигир, ва аз он дувоздаҳ нон бипаз; барои ҳар нон
бояд ду ушри эфа сарф шавад.
6 Ва онҳоро ду қатор, — шаш адад дар ҳар қатор, — бар мизи пок ба
ҳузури Худованд бимон+.
7 Ва бар ҳар қатор лебӯнои соф бимон, ва ин ёдгорӣ барои нон ва
қурбонии оташин барои Худованд хоҳад буд.
8 Дар ҳар рӯзи шанбе он бояд ба таври доимӣ ба ҳузури Худованд
аз ҷониби банӣ-Исроил гузошта шавад: ин аҳди абадист.
9 Ва он аз они Ҳорун ва писаронаш хоҳад буд, ва онҳо бояд онро
дар макони муқаддас бихӯранд, зеро ки ин аз қурбониҳои оташини
Худованд барояшон қудси қудсҳост; ин фаризаи абадист»+.

## Дастур дар бораи ҷазоҳо.

10 Ва писари зани исроилӣ, ки падараш марди мисрӣ буд, ба
миёни банӣ-Исроил берун омад, ва писари зани исроилӣ ва марди
исроилӣ дар ӯрдугоҳ дастбагиребон шуданд.
11 Ва писари зани исроилӣ Исмро ба забон ронда, лаънат кард, ва
ӯро назди Мусо оварданд; ва номи модараш Шелӯмит бинти Дибрӣ,
аз сибти Дон буд.
12 Ва ӯро ба ҳабс гирифтанд, то даме ки ҷазояш бар тибқи амри
Худованд ба онҳо эълон карда шавад+.
13 Ва Худованд ба Мусо сухан ронда, гуфт:
14 «Он лаънаткунандаро аз ӯрдугоҳ барор, ва бигзор ҳамаи онҳое
ки шунидаанд, дастҳои худро бар сари ӯ монанд, ва тамоми ҷамоат
ӯро сангсор кунанд+.

[15] Ва ба банӣ-Исроил сухан ронда, бигӯ: ҳар касе ки Худои худро
лаънат кунад, барои ин гуноҳаш ҷазо хоҳад ёфт+.
[16] Ва ҳар кӣ исми Худовандро лаънат кунад, бояд кушта шавад:
тамоми ҷамоат сангсор кунанд; хоҳ ғариб бошад хоҳ тубҷоӣ, агар
Исмро лаънат кунад, бигзор кушта шавад+.
[17] Ва агар касе ягон одамро бикушад, вай бояд кушта шавад+.
[18] Ва агар касе чорпоеро бикушад, бояд талофии онро бидиҳад:
чорпое дар ивази чорпое+.
[19] Ва агар касе ёри худро маиб кунад, ба вайончунон амал бояд
кард, чунон ки вай амал кардааст:+
[20] Шикаст дар ивази шикаст, чашм дар ивази чашм, дандон дар
ивази дандон: ҳар гуна осебе ки ӯ ба касе расонида бошад, он гуна
осеб бояд ба ӯ расонида шавад.
[21] Ҳар кӣ чорпоеро кушта бошад, бояд талофии онро бидиҳад; ва
ҳар кӣ одамро кушта бошад, бояд кушта шавад.
[22] Барои шумо, хоҳ ғариб бошед, хоҳ тубҷоӣ, як ҳукм хоҳад буд,
зеро ки Ман Худованд Худои шумо ҳастам»+.
[23] Ва Мусо ба банӣ-Исроил сухан ронд, ва онҳо лаънаткунандаро
ба беруни ӯрдугоҳ баровარданд, ва ӯро сангсор карданд; ва банӣ-
Исроил ончунон ки Худованд ба Мусо амр фармуда буд, амал
карданд.

## Қонунҳо дар бораи замин; соли оромии замин.

25

1 •Ва Худованд ба Мусо дар кӯҳи Сино сухан ронда, гуфт:
2 «Ба банӣ-Исроил сухан ронда, ба онҳо бигӯ: ҳангоме ки
шумо ба замине ки Ман ба шумо медиҳам, дохил шавед, он гоҳ замин
бояд дар шанбеи Худованд ором гирад.
3 Шаш сол киштзори худро кишт намо, ва шаш сол токзори худро
каллак бизан, ва ҳосили онро ғунучин бикун;+
4 Ва дар соли ҳафтум бигзор шанбеи оромӣ барои замин, яъне
шанбеи Худованд бошад: киштзори худро кишт накун, ва токзори
худро каллак назан;
5 Он чиро, ки дар киштзори ту худ аз худ рӯида бошад, дарав
накун, ва ангурҳои токеро, ки каллак назадаӣ, ғунучин нанамо;
бигзор ин соли оромӣ барои замин бошад.
6 Ва бигзор шанбеи замин хӯрок барои шумо бошад, — барои ту ва
ғуломат, ва канизат, ва муздурат, ва сокинат, ки бо ту истиқомат
доранд;
7 Ва барои чорпоёнат, ва барои ҳайвоноте ки дар замини ту
ҳастанд, бигзор тамоми ҳосили он хӯрок бошад.

## Соли юбил.

8 Ва барои худ ҳафт шанбеи солҳоро, яъне ҳафт солро ҳафт
маротиба бишумор, ва айёми ин ҳафт шанбеи солҳо барои ту чилу
нӯҳ сол хоҳад шуд.
9 Ва дар моҳи ҳафтум, дар рӯзи даҳуми моҳ, шохи баландовозро
бинавоз; дар рӯзи кафорат шохро дар тамоми замини худ
бинавозед+.
10 Ва соли панҷоҳумро тақдис кунед, ва дар замин барои ҳамаи
сокинонаш озодӣ эълон намоед; бигзор ин барои шумо юбил бошад;
ва ҳар яке ба мулки худ баргардед, ва ҳар яке ба оилаи худ баргардед.
11 Бигзор ин соли панҷоҳум барои шумо юбил бошад: кишт
накунед, ва он чиро, ки худ аз худ рӯида бошад, дарав накунед, ва
ангурҳои токеро, ки каллак зада нашудааст, ғунучин нанамоед.
12 Зеро ки ин юбил аст; бигзор он барои шумо муқаддас бошад; аз
киштзор ҳосили онро бихӯред.
13 Дар ин соли юбил ҳар яке ба мулки худ баргардед.

14 Ва агар чизе ба ёри худ бифрӯшед, ё чизе аз дасти ёри худ
бихаред, якдигарро фиреб накунед.
15 Мувофиқи солҳои баъд аз юбил аз ёри худ бихар, ва мувофиқи
солҳои ҳосилот вай бояд ба ту бифрӯшад+.
16 Мувофиқи бисьёрии он солҳо баҳои онро зиёд кун, ва мувофиқи
камии он солҳо баҳои онро кам намо, зеро ки шумораи ҳосилотро
вай ба ту мефурӯшад.
17 Ва якдигарро фиреб накунед; ва аз Худои худ тарсон бош; зеро
ки Ман Худованд Худои шумо ҳастам.
18 Пас, фароизи Маро ба ҷо оваред, ва аҳкоми Маро риоя намоед, ва
онҳоро ба амал оваред, ва бар замин ба амният сокин хоҳед буд.
19 Ва замин ҳосили худро хоҳад дод, ва то серӣ хоҳед хӯрд, ва бар
он ба амният сокин хоҳед буд.
20 Ва агар гӯед: „Дар соли ҳафтум чӣ мехӯрем, дар сурате ки кишт
намекунем ва ҳосилоти худро намебардорем?“, —
21 Ман баракати Худро дар соли шашум бар шумо равона хоҳам
кард, ва он барои се сол ҳосил хоҳад дод+.
22 Ва дар соли ҳаштум кишт хоҳед кард, вале аз ҳосилоти кӯҳна
хоҳед хӯрд; то соли нӯҳум, то пухта расидани ҳосили он, ҳосилоти
кӯҳнаро хоҳед хӯрд.
23 Вале замин набояд ба сурати абадӣ фурӯхта шавад, зеро ки
замин аз они Ман аст; ва шумо назди Ман ғариб ва сокин ҳастед+.
24 Ва дар тамоми замини мулки худ имконият диҳед, ки замин
фидия дода гирифта шавад.

## Фидия дода гирифтани мулки меросӣ.

25 Агар бародари ту бенаво шуда, як қисми мулкашро бифрӯшад,
фидиядеҳи ӯ, ки хеши наздики ӯст, меояд, ва он чиро, ки бародараш
фурӯхтааст, фидия дода мегирад+.
26 Ва агар касе фидиядеҳ надошта бошад, вале худаш доро гардида,
барои фидия дода гирифтанаш маблағи зарурӣ дар дасташ пайдо
шавад, —
27 Бигзор ӯ солҳои фурӯхти худро ҳисоб кунад, ва бақияи
маблағро ба он кас, ки фурӯхта буд, баргардонад, ва ба мулки худ
баргардад.

28 Ва агар маблағи зарурӣ, ки бояд ба он кас баргардонад, дар
дасташ пайдо нашавад, дар он сурат он чи ӯ фурӯхтааст, дар дасти
харидори он то соли юбил мемонад, ва дар юбил он раҳо мешавад, ва
ӯ ба мулки худ бармегардад+.
29 Ва агар касе хонаи истиқоматро дар шаҳри ҳисордор бифрӯшад,
то гузаштани як сол баъд аз фурӯхтани он ӯ ҳақ дорад, ки фидия дода
онро бигирад, яъне хуқуқи фидия дода гирифтани он як сол давом
мекунад.
30 Валекин агар дар муддати як соли тамом онро фидия дода
нагирад, он хонае ки дар шаҳри ҳисордор воқеъ аст, дар дасти
харидори он ба таври доимӣ дар наслҳои вай мемонад, яъне дар
юбил раҳо намешавад.
31 Вале хонаҳои деҳоте ки гирдогирд ҳисор надорад, бояд мисли
киштзори он замин ҳисоб ёбад: онҳоро фидия дода гирифтан
мумкин аст, ва дар юбил онҳо раҳо мешавад.
32 Ва шаҳрҳои левизодагон, яъне хонаҳое ки онҳо дар шаҳрҳои
мулки худ доранд, — левизодагон ҳамеша ҳақ доранд, ки фидия дода
онҳоро бигиранд+.
33 Ва ҳатто агар касе аз левизодагон фидия дода гирифта бошад, он
хонае ки дар шаҳри мулки ӯ фурӯхта шудааст, дар юбил раҳо
мешавад, зеро ки хонаҳои шаҳрҳои левизодагон мулки онҳо дар
миёни банӣ-Исроил мебошад.
34 Ва чарогоҳҳои назди шаҳрҳои онҳо набояд фурӯхта шавад, зеро
ки ин мулки абадист барои онҳо.

## Дар бораи бародарони бенаво.

35 Ва агар бародарат бенаво шуда, назди ту тиҳидаст гардад, ӯро,
хоҳ ғариб бошад хоҳ сокин, дастгирӣ намо, то ки бо ту зиндагӣ
кунад+.
36 Аз ӯ суд ва рибо нагир, на аз Худои худ тарсон бош, то ки
бародарат бо ту зиндагӣ кунад+.
37 Нуқраи худро ба ӯ ба суд надеҳ, ва хӯроки худро ба рибо надеҳ.
38 Ман Худованд Худои шумо ҳастам, ки шуморо аз замини Миср
берун овардаам, то ки замини Канъонро ба шумо диҳам, ва Худои
шумо бошам.

[39] Ва агар бародарат бенаво гардида, ба ту фурӯхта шавад, ӯро
мисли ғуломе кор нафармо+.
[40] Мисли муздуре, мисли сокине ӯ бояд назди ту бошад; бигзор то
соли юбил ӯ назди ту кор кунад+.
[41] Ва он гоҳ ӯ аз ту раҳо мешавад, худаш ва фарзандонаш ҳамроҳи
ӯ, ва ба қабилаи худ бармегардад, ва ба мулки падарони худ аз нав
дохил мешавад.
[42] Зеро ки онҳо бандагони Мананд, ки онҳоро аз замини Миср
берун овардаам: онҳо набояд тавре фурӯхта шаванд, ки ғуломонро
мефурӯшанд+.
[43] Ба ӯ бераҳмона хукмронӣ накун, ва аз Худои худ тарсон бош+.
[44] Вале барои он ки ғуломат ва канизат аз они ту бошанд, аз
халқҳое ки дар атрофи шумо ҳастанд, — аз онҳо ғулом ва каниз
бихаред.
[45] Ва низ аз фарзандони сокиноне ки назди шумо маскан
гирифтаанд, — аз онҳо метавонед бихаред, ва аз қабилаи онҳо, ки
назди шумо мебошанд, яъне онҳо дар замини шумо зоидаанд; ва
инҳо метавонанд моликияти шумо бошанд.
[46] Ва онҳоро метавонед баъд аз худ ба писаронатон ҳамчун
моликияти меросӣ бисупоред: онҳоро дар тамоми умрашон
метавонед ғулом гардонед. Вале бар бародарони худ, банӣ-Исроил, —
бигзор касе бар бародаронаш бераҳмона ҳукмронӣ накунад.

## Фидия барои бародароне ки бенаво шудаанд.

[47] Ва агар ғарибе ё сокине ки назди туст, дороӣ пайдо кунад, вале
бародарат назди вай бенаво шуда, ба он ғариб ё сокине ки назди туст,
ё ба касе ки аз қабилаи он ғариб аст, худро бифрӯшад, —+
[48] Баъд аз фурӯхта шуданаш бигзор ӯ фидия дода гирифта шавад:
яке аз бародаронаш бояд фидия дода ӯро бигирад;+
[49] Ё амакаш ё писари амакаш бояд фидия дода ӯро бигирад; ё касе
аз ҳамҷисмони ӯ, яъне аз қабилаи ӯ бояд фидия дода ӯро бигирад; ё
ки, агар худаш дороӣ пайдо карда бошад, бигзор фидия дода худро
раҳо кунад.
[50] Ва бигзор ӯ бо касе ки ӯро харидааст, аз соле ки худро ба вай
фурӯхта буд, то соли юбил ҳисобӣ кунад, ва нуқрае ки дар ивазаш ӯ

худро фурӯхта буд, бояд мувофиқи солҳо тақсим карда дода шавад,
ва мӯҳлате ки ӯ назди вай буд, мисли мӯҳлати муздур ҳисоб ёбад.
51 Агар солҳои бисьёр боқӣ монда бошад, ӯ бояд мувофиқи онҳо аз
нуқрае ки ба ивазаш харида шуда буд, барои фидияи худ
баргардонад.
52 Ва агар то соли юбил солҳои кам боқӣ монда бошад, бигзор ӯ
онро бо вай ҳисоб карда, мувофиқи он солҳо фидияи раҳоии худро
бидиҳад.
53 Мисли муздуре ки сол ба сол киро карда мешавад, назди вай
бошад; бигзор вай дар пеши назари ту бар ӯ бераҳмона ҳукмронӣ
накунад.
54 Ва агар ӯ бо ин роҳҳо фидия дода гирифта нашавад, — дар соли
юбил ӯ раҳо мешавад, ҳам худи ӯ ва ҳам фарзандонаш бо ӯ;+
55 Зеро ки банӣ-Исроил бандагони Мананд; онҳо бандагони
Мананд, ки онҳоро аз замини Миср берун овардаам. Ман Худованд
Худои шумо ҳастам.

## Ваъдаи баракат ва огоҳӣ.

**26** 1 •Бутҳо барои худ насозед, ва ҳайкал ва сутуне барои худ барпо накунед, ва санги суратдоре дар замини худ нагузоред, то ки пеши он саҷда баред; зеро ки Ман Худованд Худои шумо ҳастам+.

2 Шанбеҳои Маро риоя намоед, ва қудси Маро эҳтиром кунед. Ман Худованд ҳастам+.

3 Агар бар тибқи фароизи Ман рафтор кунед, ва аҳкоми Маро риоя намоед, ва онҳоро ба ҷо оваред, —

4 Ман боронҳои шуморо саридарвақт хоҳам дод, ва замин ҳосили худро хоҳад овард, ва дарахтони саҳро меваи худро хоҳанд дод+.

5 Ва хирманкӯбии шумо то вақти ангурканӣ давом хоҳад кард, ва ангурканӣ то вақти кишт давом хоҳад кард, ва нони худро ба серӣ хоҳед хӯрд, ва дар замини худ ба амният сукунат хоҳед намуд.

6 Ва ба замин сулҳу осоиштагӣ хоҳам дод, ва ҳангоме ки мехобед, касе шуморо ташвиш нахоҳад дод; ва ҳайвоноти бадро аз заминатон маҳв хоҳам сохт, ва шамшер аз заминатон гузар нахоҳад кард+.

7 Ва душманони худро таъқиб хоҳед намуд, ва онҳо пеши шумо аз шамшер фурӯ хоҳанд ғалтид.

8 Ва панҷ нафар аз шумо сад нафарро таъқиб хоҳанд кард, ва сад нафар аз шумо як беварро бадар хоҳанд ронд, ва душманонатон пеши шумо аз шамшер фурӯ хоҳанд ғалтид+.

9 Ва Ман ба шумо назари нек хоҳам кард, ва шуморо борвар хоҳам гардонид, ва шуморо афзун хоҳам сохт, ва аҳди Худро бо шумо мустаҳкам хоҳам намуд.

10 Ва ҳосилоти кӯҳнаи поринаро хоҳед хӯрд, ва кӯҳнаро барои нав берун хоҳед овард.

11 Ва маскани Худро дар миёни шумо барқарор хоҳам кард, ва ҷони Ман аз шумо нафрат нахоҳад дошт+.

12 Ва дар миёни шумо қадамгузор хоҳам шуд, ва Худои шумо хоҳам буд, ва шумо қавми Ман хоҳед буд+.

13 Ман Худованд Худои шумо ҳастам, ки шуморо аз замини Миср берун овардам, то ки барои онҳо ғулом набошед; ва бандҳои юғи шуморо шикастам, ва шуморо бо сарбаландӣ пеш бурдам+.

[14] •Валекин агар ба Ман гӯш надиҳед, ва тамоми ин аҳкомро ба ҷо
наоваред,
[15] Ва агар аз фароизи Ман нафрат намоед, ва агар ҷонатон аз
дастурҳои Ман кароҳат дошта бошад, ба тавре ки тамоми аҳкоми
Маро ба ҷо наоварда, аҳди Маро поймол кунед, —
[16] Он гоҳ Ман ҳам нисбат ба шумо чунин амал хоҳам кард; ва бар
шумо чизҳои даҳшатангез, яъне сил ва табларзаро хоҳам фиристод,
ки онҳо чашмонро хира мекунад ва ҷонро мекоҳонад; ва тухмии
худро барабас кишт хоҳед кард, ва онро душманонатон хоҳанд хӯрд+.
[17] Ва хашми Худро бар шумо хоҳам нигаронид, ва аз душманони
худ шикаст хоҳед хӯрд, ва бадхоҳонатон бар шумо ҳукмрон хоҳанд
шуд, ва рӯ ба гурез хоҳед овард, бе он ки касе шуморо таъқиб
намояд+.
[18] Ва агар бо ин ҳама ба Ман гӯш надиҳед, Ман ҷазои шуморо
барои гуноҳҳотон ҳафтчандон зиёд хоҳам кард;
[19] Ва кибри қудрати шуморо дарҳам хоҳам шикаст, ва
осмонатонро монанди оҳан ва заминатонро монанди мис хоҳам
гардонид.
[20] Ва қуввати шумо барабас сарф хоҳад шуд, ва заминатон ҳосили
худро нахоҳад дод, ва дарахтони замин меваи худро нахоҳанд овард.
[21] Ва агар бар хилофи Ман рафтор намоед ва аз гӯш додан ба Ман
гардан тобед, Ман зарбаро барои ҳар гуноҳатон ҳафтчандон афзун
хоҳам кард+.
[22] Ва ҳайвоноти саҳроро бар шумо хоҳам фиристод, то ки
фарзандони шуморо нобуд кунанд, ва чорпоёни шуморо талаф
намоянд, ва шуморо камшумор гардонанд, ва дар роҳҳои шумо
роҳгузаре боқӣ намонад+.
[23] Ва агар бо вуҷуди ин ҳам тавба накунед, ва бар хилофи Ман
рафтор намоед, —
[24] Он гоҳ Ман низ бар хилофи шумо рафтор хоҳам кард, ва Ман низ
шуморо барои гуноҳҳотон ҳафтчандон зарба хоҳам зад.
[25] Ва бар шумо шамшери қасосгире хоҳам овард, ки қасоси аҳдро
бигирад; ва ҳангоме ки дар шаҳрҳои худ ҷамъ шавед, вабое дар
миёни шумо хоҳам фиристод, ва шумо ба дасти душман таслим
хоҳед шуд.

[26] Вақте ки асои нони шуморо бишканам, даҳ зан нони шуморо дар
як танӯр хоҳанд пухт, ва нони шуморо ба тарозу баркашида хоҳанд
дод, ва шумо онро хӯрда, сер нахоҳед шуд+.
[27] Ва агар баъд аз ин ҳам ба Ман гӯш надиҳед, ва бар хилофи Ман
рафтор намоед, —
[28] Он гоҳ Ман бо ғазаб бар хилофи шумо рафтор хоҳам кард, ва
Ман низ шуморо барои гуноҳҳотон ҳафтчандон ҷазо хоҳам дод.
[29] Ва гӯшти писарони худро хоҳед хӯрд, ва гӯшти духтарони худро
хоҳед хӯрд+.
[30] Ва баландиҳои шуморо хароб хоҳам кард, ва санамҳои Ҳамони
шуморо маҳв хоҳам намуд, ва лошаҳои шуморо бар шикастапораҳои
бутҳои шумо вожгун хоҳам сохт, ва ҷони Ман аз шумо кароҳат хоҳад
дошт;+
[31] Ва шаҳрҳои шуморо хароб хоҳам кард, ва қудсҳои шуморо
валангор хоҳам намуд, ва атри гуворои қурбониҳои шуморо нахоҳам
бӯид+.

## Пешгӯӣ дар бораи парокандагӣ.

[32] Ва Ман ин заминро валангор хоҳам намуд, ба тавре ки
душманони шумо, ки бар он маскан гирифта бошанд, аз аҳволи он
мутааҷҷиб хоҳанд шуд+.
[33] Ва шуморо дар миёни халқҳо пароканда хоҳам намуд, ва аз паи
шумо шамшер хоҳам кашид; ва замини шумо валангор, ва шаҳрҳои
шумо хароб хоҳад шуд+.
[34] Он гоҳ замин дар тамоми айёми харобияш, вақте ки шумо дар
замини душманони худ бошед, аз шанбеҳои худ қаноат ҳосил хоҳад
кард; он гоҳ замин оромӣ хоҳад ёфт, ва аз шанбеҳои худ қаноат ҳосил
хоҳад кард, —+
[35] Дар тамоми рӯзҳои харобии худ оромӣ хоҳад ёфт, он қадар
оромӣ, ки дар шанбеҳои шумо, вақте ки дар он сокин будед, наёфта
буд.
[36] Ва дар дилҳои бақияи шумо, дар кишварҳои душманонатон,
беҷуръатӣ хоҳам андохт, ва шувваси барги ҷавлонкунанда онҳоро
хоҳад гурезонид, ва онҳо мисли касе ки аз шамшер мегурезад, рӯ ба
гурез хоҳанд овард, ва фурӯ хоҳанд ғалтид, дар сурате ки
таъқибкунандае набошад.

[37] Ва мисли он ки аз дами шамшер бошад, ба якдигар дакка хоҳанд
хӯрд, ва ҳол он ки таъқибкунандае нест; ва шумо маҷоли он нахоҳед
дошт, ки пеши душманони худ истодагӣ намоед+.
[38] Ва дар миёни халқҳо нест хоҳед шуд, ва замини душманонатон
шуморо фурӯ хоҳад бурд.
[39] Ва бақияи шумо барои гуноҳи худ дар замини душманони худ
фано хоҳанд шуд, ва барои гуноҳҳои падарони худ низ бо онҳо фано
хоҳанд шуд.
[40] Он гоҳ ба гуноҳи худашон ва ба гуноҳи падаронашон, ки ба Ман
хиёнат карданд, ва ҳатто бар хилофи Ман рафтор карданд, иқрор
хоҳанд шуд+.
[41] Аз ин рӯ, Ман низ бар хилофи онҳо рафтор кардаам, ва онҳоро
ба замини душманонашон овардаам, то ки, шояд, он гоҳ дили
номахтунашон мутеъ шуда, барои гуноҳи худ сазо ёбанд.
[42] Ва Ман аҳди Худро, ки бо Яъқуб бастаам, ба ёд хоҳам овард, ва
аҳди Худро, ки бо Исҳоқ бастаам, ва аҳди Худро, ки бо Иброҳим
бастаам, ба ёд хоҳам овард, ва ин заминро ба ёд хоҳам овард.
[43] Ва агарчи замин аз ҷониби онҳо тарк карда хоҳад шуд, ва дар
айёми аз онҳо хароб шуданаш аз шанбеҳои худ қаноат ҳосил хоҳад
кард, ва онҳо барои гуноҳи худ сазо хоҳанд ёфт, барои он ки аз
қонунҳои Ман нафрат карданд, ва ҷонашон аз фароизи Ман кароҳат
дошт, —
[44] Бо вуҷуди ҳамаи ин, ҳангоме ки онҳо дар замини душманони
худ бошанд, Ман аз онҳо нафрат нахоҳам кард ва аз онҳо карохат
нахоҳам дошт, то ба дараҷае ки онҳоро маҳв намоям ва аҳди Худро,
ки бо онҳо бастаам, поймол кунам; зеро ки Ман Худованд Худои онҳо
ҳастам.
[45] Ва Ман барои онҳо аҳдеро, ки бо аҷдодашон бастаам, ба ёд хоҳам
овард, ки онҳоро дар пеши назари халқҳо аз замини Миср берун
овардаам, то ки Худои онҳо бошам. Ман Худованд ҳастам».
[46] Ин аст фароиз ва аҳком ва дастурҳое ки Худованд дар миёни
Худаш ва банӣ-Исроил, дар кӯҳи Сино, ба воситаи Мусо қарор
додааст.

## Ба Худо бахшидани қимати одамон ва ашьё.

27 [1] Ва Худованд ба Мусо сухан ронда, гуфт:
[2] «Ба банӣ-Исроил сухан ронда, ба онҳо бигӯ: агар касе назр
кунад, ки нуфусе мувофиқи қиматдиҳии ту аз они Худованд бошад,+
[3] Ва агар қиматдиҳии ту барои марди аз бистсола то шастсола
бошад, — қиматдиҳии ту панҷоҳ сиқл нуқра бар тибқи сиқли
муқаддас хоҳад буд.
[4] Ва агар вай занбошад, — қиматдиҳии ту сӣ сиқл хоҳад буд.
[5] Ва агар аз панҷсола то бистсола бошад, — қиматдиҳии ту барои
мард бист сиқл, ва барои зан даҳ сиқл хоҳад буд.
[6] Ва агар аз якмоҳа то панҷсола бошад, — қиматдиҳии ту барои
мард панҷ сиқл нуқра, ва барои зан қиматдиҳии ту се сиқл нуқра
хоҳад буд.
[7] Ва агар аз шастсола ва болотар бошад, — барои мард қиматдиҳии
ту понздаҳ сиқл, ва барои зан даҳ сиқл хоҳад буд.
[8] Ва агар вай ба дараҷае бенаво бошад, ки қиматдиҳии туро
натавонад адо намояд, — бигзор варо назди коҳин биёранд, ва коҳин
қимате барояш муайян кунад; бигзор коҳин ба қадри доройи
назркунанда қимати варо муайян намояд.
[9] Ва агар он чорпое бошад, ки аз онҳо барои Худованд қурбонӣ
мекунанд, ҳар он чи касе аз онҳо ба Худованд тақдим менамояд,
муқаддас хоҳад буд.
[10] Набояд онро иваз кунад ва хубро ба бад ё бадро ба хуб бадал
намояд; ва агар чорпоеро ба чорпое иваз намояд, — ҳам он ва ҳам
ивази он муқаддас хоҳад буд.
[11] Ва агар он ягон чорпои наҷис бошад, ки аз онҳо барои Худованд
қурбонӣ намекунанд, — бигзор он чорпоро пеши коҳин биёрад,
[12] Ва коҳин ба он, хоҳ хуб бошад хоҳ бад, қимат медиҳад, ва чӣ
тавре ки коҳин қимат диҳад, ҳамон тавр хоҳад шуд.
[13] Ва агар онро фидия дода гирифтанӣ шавад, бигзор бар он қимат
панҷьяки онро илова намояд+.
[14] Ва агар касе хонаи худро вақф кунад, то ки он барои Худованд
муқаддас бошад, коҳин бояд ба он, хоҳ хуб бошад хоҳ бад, қимат
диҳад; чӣ тавре ки коҳин ба он қимат диҳад, ҳамон тавр ба амал
хоҳад омад.

15 Ва агар вақфкунанда хонаи худро фидия дода гирифтанӣ шавад,
бигзор бар он қимат панҷьяки онро илова намояд, ва он аз они ӯ
хоҳад буд.
16 Ва агар касе аз мулки худ қитъае барои Худованд вақф кунад,
қимати он бояд мувофиқи зироати он бошад: барои зироати як
хӯмер ҷав — панҷоҳ сиқл нуқра.
17 Агар қитъаи худро аз соли юбил вақф кунад, бигзор мувофиқи
ҳамин қимат ба амал ояд+.
18 Ва агар қитъаи худро баъд аз юбил вақф кунад, дар он сурат
коҳин бояд нуқраро бар тибқи солҳое ки то соли юбил боқӣ монда
бошад, ҳисоб кунад, ва бигзор ин аз қимати он тарх намуда шавад.
19 Ва агар қитъаро вақфкунандаи он фидия дода гирифтанӣ шавад,
бигзор панҷьяки қимати онро бар он илова намояд, ва он дар
ихтиёраш хоҳад монд.
20 Ва агар ӯ қитъаро фидия дода нагирад, ё агар қитъа ба каси
дигар фурӯхта шавад, — баъд аз ин фидия дода гирифтан мумкин
нест+.
21 Ва он қитъа, вақте ки дар юбил раҳо шавад, ҳамчун қитъаи вақф
барои Худованд муқаддас хоҳад буд; он ба тасарруфи коҳин
дароварда хоҳад шуд+.
22 Ва агар касе китъаеро, ки харида бошад, яъне қитъаеро, ки аз
мулки худаш нест, барои Худованд вақф кунад, —
23 Кохин бояд маблағи қимати онро то соли юбил барои ӯ ҳисоб
кунад, ва ӯ бояд он қиматро дар ҳамон рӯз ҳамчун вақфи Худованд
бидиҳад.
24 Дар соли юбил он қитъа ба касе хоҳад баргашт, ки аз вай харида
шуда буд, яъне тасарруфи он замин ба вай тааллуқ дошт.
25 Ва ҳар қимате ки дода мешавад, бояд бо сиқли муқаддас бошад:
бист ҷеро дар як сиқл бояд бошад+.
26 Аммо нахустзодае аз чорпоён, ки ба сабаби нахустзодагияш аз
они Худованд аст, — набояд касе онро вақф намояд; он, хоҳ гов бошад
хоҳ гӯсфанд, аз они Худованд аст+.
27 Ва агар он аз чорпоёни наҷис бошад, бояд мувофиқи қимате ки
ба он дода шудааст, фидия дода гирифта шавад, ва панҷьяки он
қимат бар он илова карда шавад; ва агар фидия дода гирифта

нашавад, он бояд мувофиқи қимате ки дода шудааст, фурӯхта
шавад+.
[28] Аммо ҳар вақфе ки касе аз ҳар дороии худ барои Худованд вақф
мекунад — хоҳ аз одам ва чорпоён бошад, хоҳ қитъае аз мулки вай, —
на фурӯхта мешавад ва на фидия дода гирифта мешавад; ҳар вақф
қудси қудсҳост барои Худованд.
[29] Ҳар вақфе ки аз миёни одамон вақф карда шуда бошад, фидия
дода гирифта намешавад: бояд кушта шавад+.
[30] Ва ҳар ушри замин, — чи аз зироати замин, чи аз меваи
дарахтон, — аз они Худованд аст; ин барои Худованд муқаддас
мебошад+.
[31] Ва агар касе бихоҳад, ки барои ушри худ фидия диҳад, бигзор
бар қимати он панҷьяки онро илова намояд+.
[32] Ва ҳар ушри гов ва гӯсфанд, яъне ҳар он чи аз зери асои чӯпон
мегузарад, даҳуми он барои Худованд муқаддас хоҳад буд.
[33] Кас набояд диққат кунад, ки оё он хуб аст ё бад, ва набояд онро
иваз намояд; ва агар онро иваз намояд, ҳам худи он ва ҳам ивази он
муқаддас хоҳад буд; ва барои он фидия додан мумкин нест».
[34] Ин аст аҳкоме ки Худованд ба Мусо барои банӣ-Исроил дар кӯҳи
Сино амр фармудааст.

---

* 11:22 **солъом... ҳарҷӯл... ҳоҷоб** — навъҳои гуногуни малах.

* 14:10 **Ушр** — даҳьяки эфа, ё ҳаҷман 4 литр.

* 14:10 **Лӯҷ** — 0,55 литр, ё ки баробари ҳаҷми 6 тухм.

* 16:8 **Азозил** — номи рӯҳи бад ё девест, ки гӯё дар биёбон сукунат доштааст.

---

+ 1:2 Иб. 6:8-13

+ 1:9 Хур. 29:18

+ 1:13 Иб. 1:9

+ 1:14 Иб. 5:7, Иб. 12:8, Иб. 14:4, Иб. 15:14, Иб. 15:29, Ад. 6:10

+ 1:17 Ҳас. 15:10, Иб. 1:9

+ 2:1 Иб. 6:14-18, Ад. 15:4-9

+ 2:2 Иб. 1:9

+ 2:3 Иб. 7:10, Иб. 10:13

+ 2:4 Хур. 29:2

+ 2:5 Иб. 6:21

+ 2:9 Иб. 1:9

+ 2:11 Иб. 6:17

+ 2:12 Хур. 23:19

+ 2:13 Ад. 18:19, 2 Вак. 13:5

+ 2:14 Иб. 23:14

+ 2:16 Иб. 2:1, Иб. 1:9

+ 3:1 Иб. 7:11-21, Иб. 7:29-34

+ 3:5 Иб. 1:9

+ 3:11 Иб. 1:9, Иб. 21:6, Ад. 28:2, Ҳиз. 44:7

+ 3:16 Иб. 1:9, Иб. 7:23

+ 3:17 Ҳас. 9:4, Иб. 7:26, Иб. 17:10, Так. Шар. 12:23-24, Аъм. 15:20, Аъм. 15:29

+ 4:2 Иб. 5:15, Ад. 15:22-29

+ 4:7 Хур. 30:1-2

+ 4:11 Хур. 29:14, Иб. 6:11, Иб. 9:11, Иб. 16:27, Ад. 19:3, Ад. 19:5

+ 4:13 Ад. 15:24-25

+ 4:17 Ад. 19:4

+ 4:27 Ад. 15:27

+ 4:31 Иб. 1:9

+ 5:2 Иб. 11

+ 5:3 Иб. 12

+ 5:4 Дов. 11:30, Дов. 11:35, 1 Подш. 14:24, 1 Подш. 14:29, Воиз 5:4

+ 5:7 Иб. 1:14, Иб. 12:8

+ 5:11 Ад. 5:15

+ 5:13 Иб. 2:3

+ 5:15 Иб. 4:2, Иб. 4:27, Ад. 15:22-29

+ 5:16 Иб. 6:5, Иб. 22:14, Иб. 27:13, Иб. 27:15, Иб. 27:27, Иб. 27:31, Ад. 5:7

+ 6:2 Хур. 23:4, Иб. 19:11

+ 6:5 Ад. 5:7

+ 6:9 Иб. 1:2-17

+ 6:10 Хур. 28:39-43

+ 6:11 Иб. 4:2

+ 6:12 Нах. 10:34

+ 6:14 Иб. 2

+ 6:17 Иб. 2:11

+ 6:18 Хур. 29:37, Иб. 6:18

+ 6:21 Иб. 2:5, Иб. 1:9

+ 6:22 Хур. 29:23-25

+ 6:25 Иб. 4

+ 6:28 Иб. 11:32, Иб. 15:12

+ 6:30 Иб. 16:27

+ 7:1 Иб. 5:14

+ 7:7 Иб. 14:13

+ 7:9 Иб. 2:4-5

+ 7:10 Иб. 2:3

+ 7:11 Иб. 3

+ 7:12 Иб. 2:4, Ад. 6:15

+ 7:15 Иб. 22:29-30

+ 7:16 Иб. 19:5-8

+ 7:20 Иб. 22:3

+ 7:23 Иб. 3:16-17

+ 7:24 Иб. 17:15

+ 7:26 Ҳас. 9:4, Иб. 3:17, Иб. 7:26, Иб. 17:10-11, Иб. 17:14, Так. Шар. 12:23-24, Аъм. 15:20, Аъм. 15:29

+ 7:31 Ад. 6:20

● *8:1 Хур. 29:1-36*

+ 8:8 Хур. 28:30

+ 8:9 Хур. 28:36

+ 8:10 Хур. 30:26-29, Ад. 7:1

+ 8:12 Хур. 30:30

+ 8:15 Хур. 27:2

+ 8:16 Иб. 3:3-4

+ 8:17 Иб. 4:11-12

+ 8:21 Иб. 1:9

+ 8:23 Иб. 14:14-17

+ 9:11 Иб. 4:11-12, Ад. 19:5

+ 9:23 Ад. 6:22-27

+ 9:24 Дов. 6:21, 3 Подш. 18:38, 1 Вақ. 21:26, 2 Вақ. 7:1

+ 10:1 Хур. 6:23, Хур. 30:9

+ 10:2 Ад. 11:1, Ад. 16:35, Ад. 3:4, Ад. 26:61

+ 10:3 Хур. 19:22

+ 10:4 Хур. 6:18, Хур. 6:22

+ 10:6 Иб. 21:10

+ 10:7 Иб. 21:10

+ 10:9 Ҳиз. 44:21

+ 10:10 Иб. 11:47

+ 10:13 Иб. 2:3

+ 10:16 Иб. 9:3, Иб. 9:15

+ 10:18 Иб. 6:26

● 11:1 *Так. Шар. 14:3-20*

+ 11:2 Марқ. 7:19, Аъм. 10:12-15, Рум. 14:14

+ 11:22 Марқ. 1:6

+ 11:25 Иб. 13:6, Иб. 13:34, Иб. 14:8, Иб. 14:9, Иб. 14:47, Иб. 15:5, Иб. 16:26, Иб. 16:28, Иб. 17:15, Ад. 19:10, Ад. 31:24

+ 11:32 Иб. 15:12, Ад. 19:15

+ 11:33 Иб. 6:28, Иб. 15:12

+ 11:39 Иб. 17:15, Иб. 22:8, Так. Шар. 14:21

+ 11:44 Иб. 19:2, Иб. 20:7, Иб. 20:26, Иб. 21:8, 1 Пет. 1:16, Ибр. 12:10

+ 11:47 Иб. 10:10, Ҳиз. 44:23

+ 12:2 Иб. 15:19

+ 12:3 Ҳас. 17:12

+ 12:4 Луқ. 2:22

+ 12:8 Иб. 1:14, Луқ. 2:24

+ 13:3 Ад. 12:10, 4 Подш. 5:1, 4 Подш. 15:5, 2 Вак. 26:20

+ 13:6 Иб. 11:25

+ 13:34 Иб. 11:25, Иб. 13:6

+ 13:46 Ад. 5:2, Ад. 12:14, Луқ. 17:12

+ 14:2 Мат. 8:4, Марқ. 1:44, Луқ. 5:14, Луқ. 17:14

+ 14:4 Иб. 1:14, Ад. 19:6, Ҳур. 12:22

+ 14:7 4 Подш. 5:10, Иб. 16:22

+ 14:8 Иб. 11:25

+ 14:13 Иб. 7:7

+ 14:14 Иб. 8:23

+ 14:25 Иб. 8:23

+ 14:47 Иб. 11:25

+ 14:49 Иб. 14:4

+ 14:57 Иб. 10:10

+ 15:5 Иб. 11:25

+ 15:12 Иб. 6:28, Иб. 11:32

+ 15:14 Иб. 1:14

+ 15:16 Так. Шар. 23:10

+ 15:19 Иб. 12:2

+ 15:24 Иб. 18:19

+ 15:25 Иб. 11:47, Мат. 9:20, Марк. 5:25, Луқ. 8:43

+ 15:29 Иб. 1:14

+ 15:31 Ад. 5:3, Ад. 19:13, Ад. 19:20, Ирм. 7:30, Ҳиз. 5:11, Ҳиз. 23:38

+ 16:1 Иб. 10:2

+ 16:2 Хур. 26:31, Хур. 30:10, Мат. 27:51, Ибр. 6:19, Ибр. 9:3, Хур. 25:22

+ 16:4 Хур. 28:39-43, Ҳиз. 44:18

+ 16:13 Хур. 25:21-22

+ 16:18 Хур. 30:10

+ 16:22 Иб. 14:7

+ 16:23 Иб. 6:11

+ 16:26 Иб. 11:25

+ 16:27 Хур. 29:14, Иб. 4:11-12, Иб. 6:30, Иб. 9:11, Ад. 19:5, Ибр. 13:11

+ 16:29 Иб. 23:27-32, Ад. 29:7-11

+ 16:32 Хур. 29:30

+ 17:5 Так. Шар. 12:15-20

+ 17:6 Ҳас. 8:21, Иб. 1:9

+ 17:7 2 Вак. 11:15

+ 17:9 Так. Шар. 12:20

+ 17:10 Ҳас. 9:4-6, Иб. 3:17

+ 17:11 Ибр. 9:22

+ 17:13 Так. Шар. 12:16, Так. Шар. 12:24

+ 17:15 Иб. 11:25, Иб. 11:40

● 18:1 *Иб. 20:11-22*

+ 18:3 Ҳиз. 20:7-8, Ҳиз. 23:8

+ 18:5 Так. Шар. 4:1, Так. Шар. 32:47, Наҳ. 9:29, Мас. 4:4, Ҳиз. 18:9, Ҳиз. 20:11, Рум. 8:13, Рум. 10:5, Ғал. 3:12

+ 18:8 Так. Шар. 22:30

+ 18:9 Так. Шар. 27:22, 2 Подш. 13:12

+ 18:15 Ҳас. 38:26

+ 18:16 Мат. 14:4, Марқ. 6:18

+ 18:17 Так. Шар. 27:23

+ 18:18 Ҳас. 29:30, Ҳас. 30:15

+ 18:19 Иб. 15:24

+ 18:20 Хур. 20:14

+ 18:22 Ҳас. 19:5, Дов. 19:22, Рум. 1:27

+ 18:23 Хур. 22:19

+ 18:25 Ад. 35:34, Ирм. 2:7, Ҳиз. 36:17

+ 19:2 Иб. 11:44, Ех. 24:19, 1 Пет. 1:16

+ 19:3 Хур. 20:8-12

+ 19:4 Хур. 20:3-5, Так. Шар. 5:8

+ 19:5 Иб. 7:16-18

+ 19:9 Иб. 23:22, Так. Шар. 24:19, Рут 2:1-2

+ 19:10 Рут 2:1, Рут 2:15

+ 19:11 Хур. 20:15, Иб. 6:2-3, Эфс. 4:25, Қӯл. 3:9

+ 19:12 Хур. 20:7, Так. Шар. 5:11, Мал. 3:5

+ 19:13 Так. Шар. 24:14-15, Рум. 13:8

+ 19:15 Хур. 23:2-3, Так. Шар. 1:17

+ 19:16 Хур. 23:1, Хур. 23:7, Так. Шар. 27:25, 3 Подш. 21:1-11

+ 19:17 Мат. 18:15, Луқ. 17:3

+ 19:18 Мас. 20:22, 1 Подш. 20:17, Мат. 5:43, Мат. 19:19, Мат. 22:39, Марқ. 12:31, Луқ. 10:27, Яъқ. 2:8, Рум. 13:9, Ғал. 5:14

+ 19:19 Так. Шар. 22:9

+ 19:26 Ҳас. 9:4, Иб. 3:17, Иб. 7:26, Иб. 17:10, Так. Шар. 12:23-24, Аъм. 15:20, Аъм. 15:29, Так. Шар. 18:10

+ 19:27 Иб. 21:5

+ 19:28 Иб. 21:5, Так. Шар. 14:1

+ 19:29 Так. Шар. 23:17

+ 19:30 Иб. 26:2

+ 19:31 Хур. 22:18, Так. Шар. 18:11, 1 Подш. 28:7

+ 19:32 Мас. 20:29

+ 19:33 Хур. 22:21

+ 19:34 Хур. 12:49, Иб. 24:22, Ад. 15:16, Так. Шар. 10:19

+ 19:36 Так. Шар. 25:13, Мас. 11:1, Мас. 20:10, Ҳиз. 45:10

+ 20:2 Иб. 18:21

+ 20:3 Иб. 17:10, Ҳиз. 5:11

+ 20:4 Так. Шар. 17:2-5

+ 20:6 Иб. 19:31

+ 20:7 Иб. 11:44

+ 20:9 Хур. 21:17

+ 20:10 Хур. 20:14, Иб. 18:20, Так. Шар. 22:22, Юҳ. 8:5

+ 20:11 Иб. 18:7-16, Так. Шар. 22:30, Ҳас. 35:22

+ 20:12 Ҳас. 38:26

+ 20:13 Иб. 18:22, Рум. 1:27

+ 20:14 Иб. 18:17, Так. Шар. 27:23

+ 20:15 Хур. 22:19

+ 20:17 Иб. 18:9, 2 Подш. 13:12

+ 20:18 Иб. 15:24, Иб. 18:19

+ 20:19 Иб. 18:12-13

+ 20:20 Иб. 18:14

+ 20:21 Иб. 18:16, Мат. 14:4, Марқ. 6:18

+ 20:24 Хур. 3:17

+ 20:25 Иб. 11:2-47, Так. Шар. 14:4-20

+ 20:26 Иб. 11:44

+ 20:27 Иб. 19:31, Хур. 22:18

+ 21:1 Ҳиз. 44:25

+ 21:5 Иб. 19:27

+ 21:6 Иб. 3:11

+ 21:7 Ҳиз. 44:22

+ 21:8 Иб. 11:44

+ 21:9 Ҳас. 38:24

+ 21:10 Иб. 10:6, Ҳиз. 24:17

+ 21:11 Ад. 19:14

+ 21:12 Иб. 10:7

+ 21:14 Ҳиз. 44:22

+ 21:18 Так. Шар. 23:1

+ 22:3 Иб. 7:20-21

+ 22:4 Иб. 13:3, Иб. 15:2, Ад. 19:11

+ 22:8 Хур. 22:31, Иб. 11:40, Иб. 17:15

+ 22:10 Хур. 29:33

+ 22:11 Ад. 18:11

+ 22:14 Иб. 6:5

+ 22:20 Так. Шар. 15:21, Так. Шар. 17:1, Мал. 1:8, Мал. 1:14

+ 22:27 Хур. 22:30

+ 22:28 Хур. 23:19, Так. Шар. 22:6

+ 22:29 Иб. 7:12

+ 22:30 Иб. 7:12-15

+ 22:33 Ад. 15:41

+ 23:3 Хур. 20:8, Хур. 35:2

+ 23:5 Хур. 12:1-13

+ 23:8 Хур. 12:14-20, Хур. 13:3-7

+ 23:10 Хур. 23:19, Хур. 34:26, Ад. 15:20, Так. Шар. 26:2

+ 23:15 Хур. 23:16, Хур. 34:22, Так. Шар. 16:9

+ 23:22 Иб. 19:9, Так. Шар. 24:19, Рут 2:1, Рут 2:15

+ 23:24 Ад. 29:1-6

+ 23:27 Иб. 16:29-31, Ад. 29:7-11

+ 23:34 Ад. 29:12-39, Так. Шар. 16:13-15

+ 23:39 Хур. 23:16

+ 23:40 Нах. 8:14-16

+ 24:2 Хур. 25:31, Хур. 27:20-21

+ 24:6 Хур. 25:30

+ 24:9 1 Подш. 21:6, Мат. 12:4

+ 24:12 Ад. 15:34

+ 24:14 Ад. 15:35-36

+ 24:15 Хур. 20:7, Так. Шар. 5:11

+ 24:16 3 Подш. 21:10

+ 24:17 Ҳас. 9:6, Хур. 21:12, Ад. 35:31

+ 24:18 Хур. 21:33, Хур. 21:34

+ 24:19 Хур. 21:23-25, Так. Шар. 19:21, Дов. 1:7, Мат. 5:38

+ 24:22 Хур. 12:49, Иб. 19:34, Ад. 15:16, Так. Шар. 10:19

● 25:1 *Хур. 23:10-11*

+ 25:3 Иб. 26:34-35

+ 25:9 Иб. 23:27

+ 25:15 Иб. 27:17-24

+ 25:21 Так. Шар. 28:8

+ 25:23 1 Вақ. 29:15

+ 25:25 Рут 3:9, Рут 4:3-6, Ад. 27:11, Ирм. 32:7

+ 25:28 Иб. 27:19-21

+ 25:32 Ад. 35:2, Еҳ. 21:1-40

+ 25:35 1 Юҳ. 3:17

+ 25:36 Хур. 22:25-27, Так. Шар. 15:7-8

+ 25:39 4 Подш. 4:1, Наҳ. 5:5, Мат. 18:25, Так. Шар. 24:14

+ 25:40 Хур. 21:2, Так. Шар. 15:12

+ 25:42 1 Қӯр. 7:23

+ 25:43 Эфс. 6:9

+ 25:47 Наҳ. 5:5

+ 25:48 Наҳ. 5:8

+ 25:54 Хур. 21:2, Так. Шар. 15:12

● 26:1 *Так. Шар. 11:13-15, Так. Шар. 28:1-14*

+ 26:1 Хур. 20:4-5, Хур. 23:24

+ 26:2 Иб. 19:30

+ 26:4 Так. Шар. 11:14, Так. Шар. 28:12, Ҳиз. 34:27, Заб. 66:7, Заб. 84:13

+ 26:6 Ирм. 30:10, Ирм. 46:27, Ҳиз. 39:26, Мик. 4:4, Ҳиз. 34:25

+ 26:8 Так. Шар. 32:30, Ех. 23:10, 2 Вак. 24:24, Иш. 30:17

+ 26:11 Ҳиз. 37:26

+ 26:12 Ирм. 30:22, Ҳиз. 11:20, Зак. 13:9, Ваҳй 21:3

+ 26:13 Хур. 20:2, Так. Шар. 5:6

● 26:14 *Так. Шар. 28:15-68*

+ 26:16 Так. Шар. 28:22, 3 Подш. 8:37, 2 Вак. 6:28, Дов. 6:4, Ирм. 5:17, Мик. 6:15

+ 26:17 Дов. 2:14, 3 Подш. 8:33, Ех. 7:4, Мас. 28:1

+ 26:21 Ҳас. 4:15, Заб. 78:12

+ 26:22 Так. Шар. 32:24

+ 26:26 Иш. 3:1, Ҳиз. 4:16, Ҳиз. 5:16, Ҳиз. 14:13, Иш. 9:20, Мик. 6:14, Ҳач. 1:6

+ 26:29 Так. Шар. 28:53, 4 Подш. 6:29, Нав. 4:10, Ирм. 19:9, Ҳиз. 5:10

+ 26:30 4 Подш. 23:20, 2 Вак. 34:5, Ҳиз. 6:5

+ 26:31 4 Подш. 25:9

+ 26:32 Так. Шар. 29:24, 3 Подш. 9:8, Ирм. 18:16

+ 26:33 Так. Шар. 4:27, Так. Шар. 28:64, Наҳ. 1:8, Ирм. 9:16, Ҳиз. 12:15, Зак. 7:14

+ 26:34 Хур. 23:10-11, Иб. 25:2-7, 2 Вак. 36:21

+ 26:37 Ирм. 46:16, Еҳ. 7:12, Дов. 2:14

+ 26:40 3 Подш. 8:47, 2 Вак. 6:37, Наҳ. 9:2, Дон. 9:4-5

+ 27:2 Ад. 30, Дов. 11:30, 1 Подш. 1:11, 1 Подш. 1:28

+ 27:13 Иб. 6:5

+ 27:17 Иб. 25:15

+ 27:20 Иб. 25:28

+ 27:21 Ад. 18:14

+ 27:25 Хур. 30:13

+ 27:26 Хур. 13:2, Хур. 13:11-16

+ 27:27 Иб. 6:5

+ 27:29 Ад. 21:2, Дов. 11:35

+ 27:30 Ад. 18:21, Так. Шар. 14:22

+ 27:31 Иб. 6:5

*КИТОБИ ЧОРУМИ МУСО*

**АДАДҲО**


| | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 | 7 | 8 | 9 | 10 |
| 11 | 12 | 13 | 14 | 15 | 16 | 17 | 18 | 19 | 20 |
| 21 | 22 | 23 | 24 | 25 | 26 | 27 | 28 | 29 | 30 |
| 31 | 32 | 33 | 34 | 35 | 36 | | | | |

## Амр дар бораи саршумории қавм.

**1** 1 Ва дар рӯзи якуми моҳи дуюм, дар соли дуюми берун
омаданашон аз замини Миср, Худованд ба Мусо дар биёбони Сино
дар хаймаи ҷомеъ сухан ронда, гуфт:+
2 «Саршумории тамоми ҷамоати банӣ-Исроилро бар ҳасби
қабилаҳо ва хонадонҳошон, мувофиқи адади номҳошон, — ҳамаи
мардҳоро саросар ба амал оваред+.
3 Аз бистсола ва болотар, ҳамаи онҳое ки дар Исроил ба лашкар
мераванд, — ту ва Ҳорун онҳоро бар тибқи фавҷҳошон дар шумор
оваред.
4 Ва ҳамроҳи шумо як нафар аз ҳар сибт хоҳад буд, ки ҳар яке
раиси хонадони худ бояд бошад.
5 Ва ин аст номҳои шахсоне ки ҳамроҳи шумо хоҳанд буд: аз
Реубен — Элисур ибни Шадиур;+
6 Аз Шимъӯн — Шалумиил ибни Суришаддой;+
7 Аз Яҳудо — Наҳшӯн ибни Амминодоб;+
8 Аз Иссокор — Натанъил ибни Суор;+
9 Аз Забулун — Элиоб ибни Ҳилӯн;+
10 Аз писарони Юсуф: аз Эфроим — Элишомоъ ибни Аммиҳуд; аз
Менашше — Ҷамлиил ибни Фадоҳсур;+
11 Аз Биньёмин — Абидон ибни Ҷидъӯнӣ;+
12 Аз Дон — Аҳиозар ибни Аммишаддой;+
13 Аз Ошер — Фаҷъиил ибни Окрон;+
14 Аз Ҷод — Эльёсоф ибни Дауил;+
15 Аз Нафтолӣ — Аҳираъ ибни Энон+.
16 Ҳаминҳоянд даъватшудагони ҷамоат, раисони сибтҳои
падаронашон, ки сарварони ҳазораҳои Исроил мебошанд».
17 Ва Мусо ва Ҳорун ин шахсонро, ки номҳошон зикр ёфт,
гирифтанд.
18 Ва тамоми ҷамоатро дар рӯзи якуми моҳи дуюм ҷамъ карданд,
ва онҳо насабномаҳои худро бар ҳасби қабилаҳо ва хонадонҳои худ,
мувофиқи адади номҳо, аз бистсола ва болотар саросар эълон
намуданд,
19 Чунон ки Худованд ба Мусо амр фармуда буд; ва ӯ онҳоро дар
биёбони Сино дар шумор овард.

[20] Ва банӣ-Реубен, нахустзодаи Исроил, бар ҳасби насабномаи
қабила ва хонадонашон, мувофиқи адади номҳошон, саросар ҳамаи
мардҳои аз бистсола ва болотар, ҳамаи онҳое ки ба лашкар мераванд,
—
[21] Дар шумор овардашудагон аз сибти Реубен чилу шаш ҳазору
панҷсад нафар буданд+.
[22] Аз банӣ-Шимъӯн бар ҳасби насабномаи қабила ва хонадонашон,
мувофиқи адади номҳои саросар дар шумор овардашудагон, ҳамаи
мардҳои аз бистсола ва болотар, ҳамаи онҳое ки ба лашкар мераванд,
—
[23] Дар шумор овардашудагон аз сибти Шимъӯн панҷоҳу нӯҳ ҳазору
сесад нафар буданд+.
[24] Аз банӣ-Ҷод бар ҳасби насабномаи қабила ва хонадонашон,
мувофиқи адади номҳо аз бистсола ва болотар, ҳамаи онҳое ки ба
лашкар мераванд, —
[25] Дар шумор овардашудагон аз сибти Ҷод чилу панҷ ҳазору
шашсаду панҷоҳ нафар буданд+.
[26] Аз банӣ-Яҳудо бар ҳасби насабномаи қабила ва хонадонашон,
мувофиқи адади номҳо, аз бистсола ва болотар, ҳамаи онҳое ки ба
лашкар мераванд, —
[27] Дар шумор овардашудагон аз сибти Яҳудо ҳафтоду чор ҳазору
шашсад нафар буданд+.
[28] Аз банӣ-Иссокор бар ҳасби насабномаи қабила ва хонадонашон,
мувофиқи адади номҳо, аз бистсола ва болотар, ҳамаи онҳое ки ба
лашкар мераванд, —
[29] Дар шумор овардашудагон аз сибти Иссокор панҷоҳу чор ҳазору
чорсад нафар буданд+.
[30] Аз банӣ-Забулун бар ҳасби насабномаи қабила ва хонадонашон,
мувофиқи адади номҳо, аз бистсола ва болотар, ҳамаи онҳое ки ба
лашкар мераванд, —
[31] Дар шумор овардашудагон аз сибти Забулун панҷоҳу ҳафт
ҳазору чорсад нафар буданд+.
[32] Аз писарони Юсуф: аз банӣ-Эфроим бар ҳасби насабномаи
қабила ва хонадонашон, мувофиқи адади номҳо, аз бистсола ва
болотар, ҳамаи онҳое ки ба лашкар мераванд, —

33 Дар шумор овардашудагон аз сибти Эфроим чил ҳазору панҷсад
нафар буданд+.
34 Аз банӣ-Менашше бар ҳасби насабномаи қабила ва
хонадонашон, мувофиқи адади номҳо, аз бистсола ва болотар, ҳамаи
онҳое ки ба лашкар мераванд, —
35 Дар шумор овардашудагон аз сибти Менашше сию ду ҳазору
дусад нафар буданд+.
36 Аз банӣ-Биньёмин бар ҳасби насабномаи қабила ва
хонадонашон, мувофиқи адади номҳо, аз бистсола ва болотар, ҳамаи
онҳое ки ба лашкар мераванд, —
37 Дар шумор овардашудагон аз сибти Биньёмин сию панҷ ҳазору
чорсад нафар буданд+.
38 Аз банӣ-Дон бар ҳасби насабномаи қабила ва хонадонашон,
мувофиқи адади номҳо, аз бистсола ва болотар, ҳамаи онҳое ки ба
лашкар мераванд, —
39 Дар шумор овардашудагон аз сибти Дон шасту ду ҳазору
ҳафтсад нафар буданд+.
40 Аз банӣ-Ошер бар ҳасби насабномаи қабила ва хонадонашон,
мувофиқи адади номҳо, аз бистсола ва болотар, ҳамаи онҳое ки ба
лашкар мераванд, —
41 Дар шумор овардашудагон аз сибти Ошер чилу як ҳазору
панҷсад нафар буданд+.
42 Аз банӣ-Нафтолӣ бар ҳасби насабномаи қабила ва хонадонашон,
мувофиқи адади номҳо, аз бистсола ва болотар, ҳамаи онҳое ки ба
лашкар мераванд, —
43 Дар шумор овардашудагон аз сибти Нафтолӣ панҷоҳу се ҳазору
чорсад нафар буданд+.
44 Инҳоянд дар шумор овардашудагон, ки Мусо ва Ҳорун бо
раисони Исроил дар шумор оварданд, — бо он дувоздаҳ нафар, ки ҳар
яке аз як хонадони онҳо буданд.
45 Ва ҳамаи дар шумор овардашудагони банӣ-Исроил бар ҳасби
хонадонашон, аз бистсола ва болотар, ҳамаи онҳое ки дар Исроил ба
лашкар мераванд, —
46 Ҳамаи дар шумор овардашудагон шашсаду се ҳазору панҷсаду
панҷоҳ нафар буданд+.

47 Валекин левизодагон бар ҳасби сибти падаронашон дар миёни
онҳо дар шумор оварда нашуданд,
48 Зеро ки Худованд ба Мусо сухан ронда, гуфта буд:
49 «Аммо сибти Левиро дар шумор наовар, ва саршумории онҳоро
дар миёни банӣ-Исроил ба амал наовар,
50 Балки левизодагонро бар маскани шаҳодат ва бар тамоми колои
он ва бар ҳар чизе ки ба он тааллуқ дорад, таъин намо; бигзор онҳо
маскан ва тамоми колои онро бардоранд ва хизмати онро ба ҷо
оваранд, ва дар атрофи маскан хайма зананд;
51 Ва дар вақти кӯч кардани маскан левизодагон онро фурӯд
оваранд, ва дар вақти ист кардани маскан левизодагон онро
барқарор намоянд; ва шахси бегонае ки ба он наздик меояд, кушта
хоҳад шуд.
52 Ва банӣ-Исроил бояд ҳар яке дар ӯрдугоҳи худ ва ҳар яке назди
байрақи худ бар ҳасби фавҷҳои худ хайма зананд.
53 Ва левизодагон дар атрофи маскани шаҳодат хайма хоҳанд зад,
то ки ғазабе бар ҷамоати банӣ-Исроил ба амал наояд; ва левизодагон
посбонии маскани шаҳодатро ба ҷо хоҳанд овард»+.
54 Ва банӣ-Исроил ба амал оварданд; чунон ки Худованд ба Мусо
амр фармуда буд,ончунон ба амал оварданд.

## Тақсимоти сибтҳо дар ӯрдугоҳ.

2
1 Ва Худованд ба Мусо ва Ҳорун сухан ронда, гуфт:
2 «Бигзор банӣ-Исроил ҳар яке назди байрақи худ бар ҳасби
нишонҳои хонадонашон хайма зананд; дар рӯ ба рӯи хаймаи ҷомеъ
гирдогирд хайма зананд.
3 Ва аз тарафи пеши шарқӣ аҳли байрақи ӯрдуи Яҳудо бар ҳасби
фавҷҳошон хайма мезананд, ва раиси банӣ-Яҳудо Наҳшӯн ибни
Амминодоб аст;+
4 Ва фавҷи ӯ, ки дар шумор оварда шудаанд, ҳафтоду чор ҳазору
шашсад нафаранд.
5 Ва дар паҳлуи вай сибти Иссокор хайма мезананд, ва раиси
банӣ-Иссокор Натанъил ибни Суор аст;
6 Ва фавҷи ӯ, ки дар шумор оварда шудаанд, панҷоҳу чор ҳазору
чорсад нафаранд;
7 Ва сонӣ сибти Забулун, ки раиси сибти Забулун Элиоб ибни
Ҳилӯн аст;
8 Ва фавҷи ӯ, ки дар шумор оварда шудаанд, панҷоҳу ҳафт ҳазору
чорсад нафаранд.
9 Ҳамаи дар шумор овардашудагон дар ӯрдуи Яҳудо бар ҳасби
фавҷҳошон саду ҳаштоду шаш ҳазору чорсад нафаранд; онҳо бояд
аввалин шуда кӯч кунанд+.
10 Байрақи ӯрдуи Реубен бояд ба тарафи ҷанубӣ бар ҳасби
фавҷҳошон бошад, ва раиси банӣ-Реубен Элисур ибни Шадиур аст;
11 Ва фавҷи ӯ, ки дар шумор оварда шудаанд, чилу шаш ҳазору
панҷсад нафаранд;
12 Ва дар паҳлуи вай сибти Шимъӯн хайма мезананд, ки раиси
банӣ-Шимъӯн Шалумиил ибни Суришаддой аст;
13 Ва фавҷи ӯ, ки дар шумор оварда шудаанд, панҷоҳу нӯҳ ҳазору
сесад нафаранд;
14 Ва сонӣ сибти Ҷод, ки раиси банӣ-Ҷод Эльёсоф ибни Рауил аст;
15 Ва фавҷи ӯ, ки дар шумор оварда шудаанд, чилу панҷ ҳазору
шашсаду панҷоҳ нафаранд.
16 Ҳамаи дар шумор овардашудагон дар ӯрдуи Реубен бар ҳасби
фавҷҳошон саду панҷоҳу як ҳазору чорсаду панҷоҳ нафаранд; онҳо
бояд дуюмин шуда кӯч кунанд+.

17 Ва ҳангоме ки хаймаи ҷомеъ кӯч кунад, ӯрдуи левизодагон дар
миёни ӯрдуҳо хоҳад буд; чунон ки ист кардаанд,ончунон бояд ҳар
яке дар ҷои ҳуд бар ҳасби байрақҳои худ кӯч кунанд+.
18 Байрақи ӯрдуи Эфроим бояд ба тарафи ғарбӣ бар тибқи
фавҷҳошон бошад, ва раиси банӣ-Эфроим Элишомоъ ибни Аммиҳуд
аст;
19 Ва фавҷи ӯ, ки дар шумор оварда шудаанд, чил ҳазору панҷсад
нафаранд;
20 Ва дар паҳлуи вай — сибти Менашше, ки раиси банӣ-Менашше
Ҷамлиил ибни Фадоҳсур аст;
21 Ва фавҷи ӯ, ки дар шумор оварда шудаанд, сию ду ҳазору дусад
нафаранд.
22 Ва сонӣ — сибти Биньёмин, ки раиси банӣ-Биньёмин Абидон
ибни Ҷидъӯнӣ аст;
23 Ва фавҷи ӯ, ки дар шумор оварда шудаанд, сию панҷ ҳазору
чорсад нафаранд.
24 Ҳамаи дар шумор овардашудагон дар ӯрдуи Эфроим бар ҳасби
фавҷҳошон саду ҳашт ҳазору сад нафаранд; онҳо бояд сеюмин шуда
кӯч кунанд+.
25 Байрақи ӯрди Дон бояд ба тарафи шимолӣ бар тибқи
фавҷҳошон бошад, ва раиси банӣ-Дон Аҳиозар ибни Аммишаддой
аст;
26 Ва фавҷи ӯ, ки дар шумор оварда шудаанд, шасту ду ҳазору
ҳафтсад нафаранд.
27 Ва дар паҳлуи вай сибти Ошер хайма мезананд, ки раиси банӣ-
Ошер Фаҷъиил ибни Окрон аст;
28 Ва фавҷи ӯ, ки дар шумор оварда шудаанд, чилу як ҳазору
панҷсад нафаранд.
29 Ва сонӣ — сибти Нафтолӣ, ки раиси банӣ-Нафтолӣ Аҳираъ ибни
Энон аст;
30 Ва фавҷи ӯ, ки дар шумор оварда шудаанд, панҷоҳу се ҳазору
чорсад нафаранд.
31 Ҳамаи дар шумор овардашудагон дар ӯрдуи Дон саду панҷоҳу
ҳафт ҳазору шашсад нафаранд; онҳо бояд охирин шуда таҳти
байрақҳои худ кӯч кунанд+.

32 Инҳоянд дар шумор овардашудагони банӣ-Исроил бар ҳасби
хонадонашон; ҳамаи дар шумор овардашудагони ӯрдуҳо бар ҳасби
фавҷҳошон шашсаду се ҳазору панҷсаду панҷоҳ нафаранд»+.
33 Валекин левизодагон дар миёни банӣ-Исроил дар шумор оварда
нашуданд, чунон ки Худованд ба Мусо амр фармуда буд+.
34 Ва банӣ-Исроил мувофиқи ҳар он чи Худованд ба Мусо амр
фармуда буд, ба амал оварданд; ҳамин тавр тахти байрақҳои худ
хайма мезаданд, ва ҳамин тавр ҳар яке бар ҳасби қабила ва хонадони
худ кӯч мекарданд.

## Дар бораи коҳинон, сибти Левӣ ва хонадонҳои онҳо.

3 [1] Ва ин аст насабномаи Ҳорун ва Мусо, дар рӯзе ки Худованд
дар кӯҳи Сино ба Мусо сухан ронд.
[2] Ва ин аст номҳои писарони Ҳорун: нахустзодааш Нодоб, Абиҳу,
Элъозор ва Итомор+.
[3] Ин аст номҳои писарони Ҳорун, коҳиноне ки тадҳин карда шуда
буданд, ки ӯ онҳоро барои каҳонат баргумошт.
[4] Вале Нодоб ва Абиху ба ҳузури Худованд мурданд, вақте ки
оташи ғайрро дар биёбони Сино ба ҳузури Худованд оварданд, ва
онҳо фарзанд надоштанд; ва Элъозор ва Итомор дар ҳузури
падарашон Ҳорун каҳонат мекарданд+.
[5] Ва Худованд ба Мусо сухан ронда, гуфт:
[6] «Сибти Левиро наздик оварда, онҳоро ба ҳузури Ҳоруни коҳин
таъин намо, то ки ба ӯ хизмат кунанд+.
[7] Ва бигзор онҳо хизмати ӯ ва хизмати тамоми ҷамоатро пеши
хаймаи ҷомеъ иҷро намуда, корҳои масканро ба ҷо оваранд;
[8] Ва тамоми колои хаймаи ҷомеъро нигаҳбонӣ намуда ва хизмати
банӣ-Исроилро иҷро карда, корҳои масканро ба ҷо оваранд.
[9] Ва левизодагонро ба Ҳорун ва писаронаш бидеҳ: онҳо аз ҷониби
банӣ-Исроил ба таври қатъӣ ба ӯ дода шудаанд+.
[10] Вале Ҳорун ва писаронашро баргумор, то ки каҳонати худро
риоят кунанд; ва бегонае агар наздик ояд, кушта хоҳад шуд»+.
[11] Ва Худованд ба Мусо сухан ронда, гуфт:
[12] «Ва инак, Ман левизодагонро аз миёни банӣ-Исроил дар ивази
ҳамаи нахустзодагони раҳимкушо гирифтаам, ва левизодагон аз они
Мананд;
[13] Зеро ки ҳар нахустзода аз они Ман аст: дар рӯзе ки Ман ҳамаи
нахустзодагони замини Мисрро зарба задам, ҳамаи нахустзодагони
Исроилро, аз одамон то чорпоён, барои Худ тақдис намудам, ва онҳо
аз они Мананд. Ман Худованд ҳастам»+.
[14] Ва Худованд дар биёбони Сино ба Мусо сухан ронда, гуфт:
[15] «Банӣ-Левиро бар ҳасби хонадон ва қабилаҳошон дар шумор
овар; ҳар мардинаро аз якмоҳа ва болотар дар шумор овар».
[16] Ва Мусо онҳоро аз рӯи гуфтаи Худованд, чунон ки амр фармуда
шуд, дар шумор овард.

17 Ва инҳоянд писарони Левӣ бар ҳасби номҳошон: Ҷершӯн ва
Қаҳот ва Марорӣ+.
18 Ва ин аст номҳои банӣ-Ҷершӯн бар ҳасби қабилаҳошон: Либнӣ
ва Шимъӣ+.
19 Ва банӣ-Каҳот бар ҳасби қабилаҳошон: Амром ва Йисҳор,
Ҳебрӯн ва Узиил+.
20 Ва банӣ-Марорӣ бар ҳасби қабилаҳошон: Маҳлӣ ва Мушӣ.
Ҳаминҳоянд хонаводаҳои Левӣ бар ҳасби авлодашон+.
21 Аз Ҷершӯн қабилаи Либнӣ ва қабилаи Шимъӣ; ҳаминҳоянд
қабилаҳои ҷершӯниён.
22 Дар шумор овардашудагони онҳо мувофиқи адади тамоми
мардинаи аз якмоҳа ва болотар: дар шумор овардашудагони онҳо
ҳафт ҳазору панҷсад нафаранд.
23 Қабилаҳои ҷершӯниён бояд дар ақиби маскан ба тарафи ғарбӣ
хайма зананд+.
24 Ва раиси хонадони ҷершӯниён Эльёсоф ибни Лоил аст.
25 Ва ба нигаҳбонии банӣ-Ҷершӯн дар хаймаи ҷомеъ инҳо супурда
мешавад: маскан ва хайма, болопӯши он ва пардаи даромадгоҳи
хаймаи ҷомеъ,+
26 Ва пардаҳои саҳн, ва пардаи даромадгоҳи саҳне ки гирдогирди
маскан ва қурбонгоҳ аст, ва танобҳое ки он барои ҳар хизматаш
дорад.
27 Ва аз Қаҳот қабилаи Амром ва қабилаи Йисҳор ва қабилаи
Ҳебрӯн ва қабилаи Узиил; ҳаминҳоянд қабилаҳои қаҳотиён+.
28 Мувофиқи адади тамоми мардинаи аз якмоҳа ва болотар, ҳашт
ҳазору шашсад нафаранд, ки нигаҳбонии колои қудсро бояд иҷро
кунанд.
29 Қабилаҳои банӣ-Қаҳот бояд ба тарафи ҷанубии маскан хайма
зананд.
30 Ва раиси хонадони кабилаҳои қаҳотиён Элисофон ибни Узиил
аст.
31 Ва нигаҳбонии онҳо бар ин чизҳост: сандуқ ва миз ва чароғдон
ва қурбонгоҳҳо ва колои муқаддасе ки хизматро ба воситаи он ба ҷо
меоваранд, ва парда ва ҳар он чи ба он тааллуқ дорад+.
32 Ва раиси раисони левизодагон Элъозор ибни Ҳоруни коҳин аст;
иҷрокунандагони нигаҳбонии колои қудс таҳти назорати ӯ хоҳанд

буд+.
33 Аз Марорӣ қабилаи Маҳлӣ ва қабилаи Мушӣ; ҳаминҳоянд
қабилаҳои марориён.
34 Ва дар шумор овардашудагони онҳо, мувофиқи адади тамоми
мардинаи аз якмоҳа ва болотар, шаш ҳазору дусад нафаранд.
35 Ва раиси хонадони қабилаҳои марориён Суриил ибни Абиҳоил
аст; онҳо бояд ба тарафи шимолии маскан хайма зананд.
36 Ва вазифаи нигаҳбонии банӣ-Марорӣ бар ин чизҳост: тахтаҳои
маскан ва ғалақаҳояш ва сутунҳояш ва пояҳояш ва тамоми колояш ва
тамоми хизматаш+.
37 Ва сутунҳои гирдогирди саҳн ва пояҳошон ва меххошон ва
танобҳошон.
38 Ва пеши маскан аз ҷониби офтоббаро, яъне пеши хаймаи ҷомеъ
аз тарафи шарқ, бояд Мусо ва Ҳорун ва писаронаш хайма зананд, ки
онҳо вазифаи нигаҳбонии қудс ва нигаҳбонии банӣ-Исроилро иҷро
мекунанд; ва шахси бегонае ки ба он наздик ояд, кушта хоҳад шуд.
39 Ҳамаи дар шумор овардашудагони левизодагон, ки Мусо ва
Ҳорун мувофиқи амри Худованд бар ҳасби қабилаҳои онҳо дар
шумор оварданд, тамоми мардинаи онҳо аз якмоҳа ва болотар бисту
ду ҳазор нафар буданд+.
40 Ва Худованд ба Мусо гуфт: «Ҳамаи нахустзодагони мардинаи
банӣ-Исроилро аз якмоҳа ва болотар дар шумор овар, ва адади
номҳошонро муқаррар намо.
41 Ва левизодагонро барои Ман, ки Худованд ҳастам, дар ивази
ҳамаи нахустзодагони банӣ-Исроил бигир, ва чорпоёни
левизодагонро дар ивази ҳамаи нахустзодагони чорпоёни банӣ-
Исроил».
42 Ва Мусо, чунон ки Худованд ба ӯ амр фармуд, ҳамаи
нахустзодагони банӣ-Исроилро дар шумор овард;
43 Ва ҳамаи нахустзодагони мардина, мувофиқи адади номҳо, аз
якмоҳа ва болотар, ки дар шумор оварда шуданд, бисту ду ҳазору
дусаду ҳафтоду се нафар буданд.
44 Ва Худованд ба Мусо сухан ронда, гуфт:
45 «Левизодагонро дар ивази ҳамаи нахустзодагони банӣ-Исроил
бигир, ва чорпоёни левизодагонро дар ивази чорпоёни онҳо; ва
левизодагон аз они Ман хоҳанд буд. Ман Худованд ҳастам.

46 Ва дар хусуси фидияи дусаду ҳафтоду се нафар нахустзодагони
банӣ-Исроил, ки назар ба левизодагон барзиёданд, —
47 Панҷ сиқлӣ барои ҳар саре бигир, онро бо сиқли муқаддас, ки
ҳар сиқл бист ҷеро бошад, бигир+.
48 Ва ин нуқраро, ки фидияи адади барзиёди онҳост, ба Ҳорун ва
писаронаш бидеҳ».
49 Ва Мусо нуқраи фидияро барои онҳое ки аз адади ивазкардаи
левизодагон барзиёд буданд, гирифт.
50 Аз нахустзодагони банӣ-Исроил нуқраро гирифт: ҳазору сесаду
шасту панҷ сиқл бо сиқли муқаддас.
51 Ва Мусо нуқраи фидияро мувофиқи гуфтаи Худованд, чунон ки
Худованд ба Мусо амр фармуда буд, ба Ҳорун ва писаронаш дод.

## Дастурот дар бораи левизодагон; саршумории онҳо.

4 1 Ва Худованд ба Мусо ва Ҳорун сухан ронда, гуфт:
2 «Банӣ-Қаҳотро аз миёни банӣ-Левӣ бар ҳасби қабилаҳо ва
хонадонҳои онҳо дар шумор овар,
3 Аз сисола ва болотар ва то панҷоҳсола, ҳамаи онҳоеро, ки
қобили хизматанд, то ки дар хаймаи ҷомеъ кор кунанд+.
4 Кори банӣ-Қаҳот дар хаймаи ҷомеъ қудси қудсҳост.
5 Ва ҳангоме ки кӯч кардани ӯрду лозим шавад, Ҳорун ва
писаронаш дохил шуда, пардаи пӯшандаро фурӯд меоваранд, ва
сандуқи шаҳодатро бо он мепӯшонанд.
6 Ва болопӯше аз пӯсти тӯҳс бар он мегузоранд, ва аз болояш
чодире ки комилан лоҷувардист, паҳн мекунанд, ва дастакҳояшро
мегузаронанд+.
7 Ва бар мизи нони тақдим чодири лоҷувардӣ паҳн мекунанд, ва
табақҳо ва қошуқҳо ва косаҳо ва дӯлчаҳои рехтаниро бар он
мегузоранд; ва нони доимӣ бояд бар он бошад.
8 Ва бар онҳо чодири қирмизӣ паҳн мекунанд, ва онро бо
болопӯше аз пӯсти тӯҳс мепӯшонанд, ва дастакҳояшро мегузаронанд.
9 Ва чодири лоҷувардие гирифта, чароғдон ва чароғҳояш ва
анбӯрҳояш ва маҷмарҳояш ва тамоми колои равғанашро, ки бо онҳо
хизмати онро ба ҷо меоваранд, мепӯшонанд.
10 Ва он ва тамоми колояшро дар болопӯше аз пӯсти тӯҳс
мегузоранд, ва бар чӯбдастае меовезанд.
11 Ва бар қурбонгоҳи тилло чодири лоҷувардӣ паҳн мекунанд, ва
онро бо болопӯше аз пӯсти тӯҳс мепӯшонанд, ва дастакҳояшро
мегузаронанд.
12 Ва тамоми колои хизматро, ки бо онҳо дар қудс хизмат
мекунанд, гирифта, дар чодири лоҷувардӣ мегузоранд, ва онҳоро бо
болопӯше аз пӯсти тӯҳс мепӯшонанд, ва бар чӯбдастае меовезанд.
13 Ва қурбонгоҳро аз хокистар тоза карда, чодири арғувонӣ бар он
паҳн мекунанд.
14 Ва тамоми колои онро, ки бо онҳо хизмати онро ба ҷо
меоваранд, — маҷмарҳо, чанголҳо, хокандозҳо ва косаҳо, — яъне
тамоми колои қурбонгоҳро бар он мегузоранд, ва болопӯше аз пӯсти
тӯҳс бар он паҳн мекунанд, ва дастакҳояшро мегузаронанд.

[15] Ва чун Ҳорун ва писаронаш дар вақти кӯч кардани ӯрду
пӯшонидани қудс ва тамоми колои қудсро ба анҷом расонанд, пас аз
он банӣ-Қаҳот барои бардоштан меоянд; вале набояд ба қудс даст
расонанд, вагар на хоҳанд мурд. Ҳамин аст боре ки бояд банӣ-Қаҳот
дар хаймаи ҷомеъ бардоранд+.

## Воҷиботи Элъозор.

[16] Ва таҳти назорати Элъозор ибни Ҳоруни коҳин инҳо хоҳад буд:
равған барои рӯшноӣ, ва бухури муаттар, ва ҳадияи ордии доимӣ, ва
равғани тадҳин; назорат бар тамоми маскан ва бар ҳар чи дар он аст,
яъне бар қудс ва бар колои он»+.

[17] Ва Худованд ба Мусо ва Ҳорун сухан ронда, гуфт:

[18] «Сибти қабилаҳои қаҳотиёнро аз миёни левизодагон маҳв
накунед,

[19] Балки ба онҳо чунин рафтор намоед, то ки дар вақти наздик
омаданашон ба қудси қудсҳо онҳо зинда монанд ва намиранд: бигзор
Ҳорун ва писаронаш омада, ҳар якеро ба хизматаш ва назди бораш
бимонанд;

[20] Вале онҳо барои дидани он ки қудсро чӣ гуна мепӯшонанд,
набояд биёянд, вагар на хоҳанд мурд»+.

## Воҷиботи банӣ-Ҷершӯн.

[21] Ва Худованд ба Мусо сухан ронда, гуфт:

[22] «Банӣ-Ҷершӯнро низ бар ҳасби хонадонҳо ва қабилаҳои онҳо
дар шумор овар.

[23] Аз сисола ва болотар то панҷоҳсола онҳоро дар шумор овар,
яъне онҳоеро, ки қобили хизматанд, то ки дар хаймаи ҷомеъ кор
кунанд.

[24] Ин аст кори қабилаҳои ҷершӯниён дар хизматгузорӣ ва
боркашонӣ:+

[25] Онҳо бояд ин чизҳоро бардоранд: пардаҳои маскан ва хаймаи
ҷомеъ, болопӯши он ва болопӯше аз пӯсти тӯхс, ки бар он аз боло
мебошад, ва пардаи даромадгоҳи хаймаи ҷомеъ,

[26] Ва пардаҳои саҳн ва пардаи даромадгоҳи дарвозаи саҳн, ки
гирдогирди маскан ва қурбонгоҳ аст, ва танобҳои онҳо ва тамоми

колои хизмати онҳо; ва ҳар кореро, ки бо ин чизҳо кардан лозим аст, онҳо бояд бикунанд.

27 Тамоми хизмати банӣ-Ҷершӯн дар ҳар боркашонии онҳо ва дар ҳар кори онҳо бояд бо фармони Ҳорун ва писаронаш ба ҷо оварда шавад; ва нигаҳбонии ҳар бореро, ки онҳо мекашонанд, ба зиммаи онҳо бигузоред.

28 Ҳамин аст хизмати қабилаҳои банӣ-Ҷершӯн дар хаймаи ҷомеъ; ва назорати онҳо дар дасти Итомор ибни Ҳоруни коҳин аст.

## Воҷиботи банӣ-Марорӣ

29 Банӣ-Марориро бар ҳасби қабилаҳо ва хонадони онҳо дар шумор овар.

30 Аз сисола ва болотар, то панҷоҳсола, ҳамаи онҳоеро, ки қобили хизматанд, то ки хизмати хаймаи ҷомеъро иҷро кунанд, дар шумор овар.

31 Ва ин аст вазифаи боркашонии онҳо дар тамоми хизматашон дар хаймаи ҷомеъ: тахтаҳои маскан ва ғалақаҳояш ва сутунҳояш ва пояҳояш,+

32 Ва сутунҳои гирдогирди саҳн ва пояҳошон ва меххошон ва танобҳошон бо тамоми колояшон ва тамоми хизматашон; ва колоеро, ки онҳо бояд бардоранд, ном ба ном дар шумор оваред.

33 Ҳамин аст кори қабилаҳои банӣ-Марорӣ дар тамоми хизматашон дар хаймаи ҷомеъ зери дасти Итомор ибни Ҳоруни коҳин».

34 Ва Мусо ва Ҳорун ва раисони ҷамоат банӣ-Қаҳотро бар ҳасби қабилаҳо ва хонадонҳои онҳо дар шумор оварданд,

35 Аз сисола ва болотар, то панҷоҳсола, ҳамаи онҳоеро, ки қобили хизматанд, то ки дар хаймаи ҷомеъ кор кунанд.

36 Ва дар шумор овардашудагони онҳо, бар ҳасби қабилаҳои онҳо, ду ҳазору ҳафтсаду панҷоҳ нафар буданд.

37 Ҳаминҳоянд дар шумор овардашудагони қабилаҳои қаҳотиён, ҳамаи онҳое ки дар хаймаи ҷомеъ кор мекарданд, ки онҳоро Мусо ва Ҳорун мувофиқи амре ки Худованд ба воситаи Мусо фармуда буд, дар шумор оварданд.

38 Ва дар шумор овардашудагони банӣ-Ҷершӯн, бар ҳасби қабилаҳо, ва хонадонҳои онҳо,

39 Аз сисола ва болотар, то панҷоҳсола, ҳамаи онҳое ки қобили
хизматанд, то ки дар ҳаймаи ҷомеъ кор кунанд, —
40 Ва дар шумор овардашудагони онҳо бар ҳасби қабилаҳо ва
хонадонҳои онҳо, ду ҳазору шашсаду сӣ нафар буданд.
41 Ҳаминҳоянд дар шумор овардашудагони қабилаҳои банӣ-
Ҷершӯн, ҳамаи онҳое ки дар хаймаи ҷомеъ кор мекарданд, ки онҳоро
Мусо ва Ҳорун мувофиқи амри Худованд дар шумор оварданд.
42 Ва дар шумор овардашудагони қабилаҳои банӣ-Марорӣ, бар
ҳасби қабилаҳо ва хонадонҳои онҳо,
43 Аз сисола ва болотар, то панҷоҳсола, ҳамаи онҳое ки қобили
хизматанд, то ки дар хаймаи ҷомеъ кор кунанд, —
44 Ва дар шумор овардашудагони онҳо, бар ҳасби қабилаҳои онҳо,
се ҳазору дусад нафар буданд.
45 Ҳаминҳоянд дар шумор овардашудагони қабилаҳои банӣ-
Марорӣ, ки онҳоро Мусо ва Ҳорун мувофиқи амри Худованд, ки ба
воситаи Мусо фармуда шуда буд, дар шумор оварданд.
46 Ҳамаи дар шумор овардашудагоне ки Мусо ва Ҳорун ва раисони
Исроил аз левизодагон бар ҳасби қабилаҳо ва хонадонҳои онҳо дар
шумор оварданд,
47 Аз сисола ва болотар, то панҷоҳсола, ҳамаи онҳое ки қобили
хизматанд, то ки кори хизматрасонӣ ва кори боркашониро дар
хаймаи ҷомеъ иҷро кунанд, —
48 Ва ҳамаи дар шумор овардашудагони онҳо ҳашт ҳазору
панҷсаду ҳаштод нафар буданд.
49 Бар тибқи амри Худованд ба воситаи Мусо ҳар яке аз онҳо ба
хизматрасонӣ ва боркашонии худ таъин намуда ва дар шумор оварда
шуданд, чунон ки Худованд ба Мусо амр фармуда буд.

## Хориҷ кардани ҳар нопокӣ; ҳадияҳои рашк.

5 [1] Ва Худованд ба Мусо сухан ронда, гуфт:
[2] «Ба банӣ-Исроил амр фармо, ки ҳар махавӣ ва ҳар каси
ҷараёндор ва ҳар каси аз мурда наҷисшударо аз ӯрдугоҳ хориҷ
кунанд+.
[3] Хоҳ мард бошад хоҳ зан, хориҷ кунед; онҳоро ба беруни ӯрдугоҳ
хориҷ кунед, то ки ӯрдугоҳҳои худро, ки Ман дар миёни онҳо сокин
ҳастам, наҷис нагардонанд»+.
[4] Ва банӣ-Исроил чунин карданд, ва онҳоро ба беруни ӯрдугоҳ
хориҷ карданд; чунон ки Худованд ба Мусо сухан ронда буд, банӣ-
Исроил align онгунон карданд.
[5] Ва Худованд ба Мусо сухан ронда, гуфт:
[6] «Ба банӣ-Исроил бигӯ: агар марде ё зане ягон гуноҳи
одамизодро ба амал оварда, дар ҳаққи Худованд хиёнат кунад, ва он
шахс гуноҳкор шавад, —+
[7] Бигзор гуноҳеро, ки вай ба амал овардааст, эътироф намояд, ва
он чиро, ки дар он гуноҳкор шудааст, пурра баргардонад, ва
панҷьяки қимати онро бар он илова намуда, ба касе ки дар ҳаққаш
гуноҳ кардааст, бидиҳад+.
[8] Ва агар он кас ворисе надошта бошад, то ки талофии гуноҳ ба вай
дода шавад, дар он сурат талофии гуноҳ, ки барои Худованд дода
мешавад, аз они коҳин хоҳад буд, ба замми қӯчқори кафорат, ки ба
воситаи он ӯ варо кафорат менамояд.
[9] Ва ҳар ҳадия аз ҳамаи вақфҳои банӣ-Исроил, ки назди коҳин
меоваранд, аз они ӯ хоҳад буд.
[10] Ва вақфҳои ҳар кас аз они худаш хоҳад буд: он чи касе ба коҳин
медиҳад, аз они ӯ хоҳад буд».
[11] Ва Худованд ба Мусо сухан ронда, гуфт:
[12] «Ба банӣ-Исроил сухан ронда, ба онҳо бигӯ: зани касе агар
гумроҳ шуда, ба ӯ хиёнат кунад,
[13] Ва марде бо вай хобида, нутфа резад, ва ин аз чашми шавҳараш
пинҳон монад, ва вай ниҳонӣ наҷис гардад, ва шоҳиде ба зидди вай
набошад, ва вай дастгир нашавад,+
[14] Ва рӯҳи рашк бар ӯ ғолиб омада, ӯ аз занаш рашк барад, дар
сурате ки вай наҷис гардидааст, ё ки рӯҳи рашк бар ӯ ғолиб омада, ӯ

аз занаш рашк барад, ва ҳол он ки вай наҷис нагардидааст, —
15 Бигзор он шавҳар зани худро назди коҳин оварад, ва барои вай
ушри эфаи орди ҷавро ҳадия биёрад; лекин равған бар он нарезад ва
лебӯно бар он намонад, зеро ки он ҳадияи рашк, ҳадияи ёдгорӣ
мебошад, ки гуноҳро хотиррасон менамояд+.
16 Ва коҳин варо наздик оварда, ба хузури Худованд меистонад.
17 Ва коҳин дар зарфи сафолин оби муқаддас мегирад, ва коҳин аз
хоке ки бар фарши маскан аст, гирифта, дар об меандозад.
18 Ва коҳин занро ба хузури Худованд меистонад, ва мӯи сари
занро воз мекунад, ва ҳадияи ёдгориро, ки ҳадияи рашк аст, бар
кафҳои дасти вай мегузорад; ва дар дасти коҳин оби талхи
лаънатовар хоҳад буд.
19 Ва коҳин варо қасам медиҳад, ва ба зан мегӯяд: „Агар марде бо
ту нахобида бошад, ва агар ҳангоми шавҳардории худ бо гумроҳӣ
наҷис нашуда бошӣ, — аз ин оби талхи лаънатовар осеб нахоҳӣ дид;
20 Вале агар ҳангоми шавҳардории худ бо гумроҳӣ наҷис шуда
бошӣ, ва марде, ғайр аз шавҳарат, бо ту ҳамхоб гардида бошад“, —
21 Он гоҳ коҳин занро қасами лаънат медиҳад, ва коҳин ба зан
мегӯяд: „Бигзор Худованд туро дар миёни кавми ту ба лаънат ва
қасам гирифтор кунад, ба тавре ки Худованд ронатро лоғар ва
шикаматро омосдор гардонад;
22 Ва бигзор ҳамин оби лаънатовар ба амъоят дохил шавад, то ки
шикамат биомосад ва ронат лоғар гардад“. Ва зан мегӯяд: „Омин,
омин“+.
23 Ва коҳин ин лаънатҳоро бар тӯморе менависад, ва дар оби талх
шуста меравонад;
24 Ва он оби талхи лаънатоварро ба зан менӯшонад, ва он оби
лаънатовар дар вай дохил шуда, талх мегардад.
25 Ва коҳин ҳадияи рашкро аз дасти зан мегирад, ва ин ҳадияро ба
ҳузури Худованд меҷунбонад, ва онро назди қурбонгоҳ меоварад.
26 Ва коҳин аз ин ҳадия ҳиссаи ёдгории онро бо мушташ гирифта,
бар қурбонгоҳ месӯзонад, ва сонӣ он обро ба зан менӯшонад.
27 Ва ҳангоме ки обро ба вай бинӯшонад, агар вай наҷис гардида,
ба шавҳараш хиёнат карда бошад, он оби лаънатовар дар вай дохил
шуда талх мегардад, ва шиками вай меомосад, ва рони вай лоғар
мешавад, ва ин зан дар миёни қавми худ малъун мегардад.

28 Ва агар он зан наҷис нашуда, пок бошад, — ба вай осебе
намерасад, ва вай ҳомила шуда, зурьёт мебинад.
29 Ин аст шариати рашк, вақте ки зан ба шавҳараш хиёнат карда,
наҷис мешавад,
30 Ё вақте ки бар мард рӯҳи рашк ғолиб омада, аз занаш рашк
мебарад: он гоҳ бигзор ӯ занро ба ҳузури Худованд истонад, то ки
коҳин тамоми ин шариатро бо вай ба амал оварад.
31 Ва он мард аз гуноҳ фориғ мешавад, ва он зан барои гуноҳи худ
ҷазо меёбад».

## Дар борои назирон.

**6** 1 Ва Худованд ба Мусо сухан ронда, гуфт:
2 «Ба банӣ-Исроил сухан ронда, ба онҳо бигӯ: агар марде ё зане
назри назирӣ кунад, то ки назирӣ* Худованд бошад,+
3 Вай бояд аз шароб ва арақ парҳез намояд, сиркои шароб ва
сиркои арақро нанӯшад, ва ҳеҷ шарбати ангурро нанӯшад, ва ангури
тар ё хушк нахӯрад.
4 Тамоми айёми назирии худ аз ҳар чизе ки аз ангур, аз донакаш
гирифта то пӯсташ, тайёр карда мешавад, набояд бихӯрад.
5 Тамоми айёми назри назирии вай поку бар сари вай набояд
бирасад; то тамом шудани айёме ки худро назири Худованд
гардонидааст, вай муқаддас буда, мӯи сарашро бояд калон кунад+.
6 Тамоми айёме ки вай назири Худованд аст, набояд ба ҷасади
мурдае наздик ояд+.
7 Барои падараш ва модараш, бародараш ва хоҳараш, — ҳатто
барои онҳо низ, вақте ки бимиранд, вай набояд наҷис шавад, зеро ки
аломати назирии Худои вай бар сари вай аст.
8 Тамоми айёми назирии худ вай барои Худованд муқаддас аст.
9 Ва агар касе назди вай баногоҳ, якбора бимирад, ва мӯйсари
назирии варо наҷис гардонад, — вай бояд сари худро дар рӯзи пок
шудани худ битарошад, дар рӯзи ҳафтум бояд онро битарошад.
10 Ва дар рӯзи ҳаштум бояд ду фохта ё ду чӯҷаи кабӯтар назди
коҳин, ба дари хаймаи ҷомеъ биёрад+.
11 Ва коҳин якеро барои қурбонии гуноҳ ва дигареро барои
қурбонии сӯхтанӣ тақдим намуда, варо барои гуноҳаш, ки аз ҷасади
мурда наҷис шудааст, кафорат менамояд, ва сари варо дар он рӯз
тақдис мекунад.
12 Ва айёми назирии худро вай аз нав ба Худованд назр менамояд,
ва барраи яксолае барои қурбонии ҷурм меоварад; вале рӯзҳои
пешина ботил мешавад, зеро ки назирии вай наҷис гардидааст.
13 Ва ин аст шариат дар бораи назир: вақте ки айёми назирии ӯ
анҷом ёбад, ӯро назди даромадгоҳи хаймаи ҷомеъ меоваранд;
14 Ва ӯ қурбонии худро барои Худованд тақдим менамояд: як
барраи нари яксолаи беайб барои қурбонии сӯхтанӣ, як барраи

модаи яксолаи беайб барои қурбонии гуноҳ, ва як қӯчқори беайб
барои қурбонии саломатӣ,+
[15] Ва як сабад нони фатир: қурсҳои орди маҳини бо равған
омехташуда, ва нончаҳои тунуки равған молидашуда, ва ҳадияи
ордии онҳо ва ҳадияи рехтании онҳо+.
[16] Ва коҳин онҳоро ба ҳузури Худованд наздик оварда, қурбонии
гуноҳи ӯ ва қурбонии сӯхтании ӯро тақдим менамояд.
[17] Ва қӯчқорро бо сабади нони фатир ҳамчун қурбонии саломатӣ
барои Худованд тақдим менамояд; ва коҳин ҳадияи ордии ӯ ва
ҳадияи рехтании ӯро тақдим менамояд.
[18] Ва он назир сари назирии худро назди даромадгоҳи хаймаи
ҷомеъ метарошад, ва мӯйсари назирии худро гирифта, бар оташе ки
зери қурбонии саломатӣ мебошад, мегузорад.
[19] Ва коҳин як соқи пеши пухташудаи қӯчқорро бо як қурси фатир
ва бо як нончаи тунуки фатир аз сабад гирифта, бар кафҳои дасти
назир, баъд аз тарошидани мӯйсари назри вай, мегузорад+.
[20] Ва коҳин онҳоро ҳамчун инъоми ҷунбониданӣ ба ҳузури
Худованд меҷунбонад: ин барои коҳин, ба замми синаи ҷунбониданӣ
ва соқи пешкаш, муқаддас аст; баъд аз ин назир метавонад шароб
нӯшад+.
[21] Ҳамин аст шариат дар бораи назире ки назр намудааст, ва дар
бораи қурбоние ки ӯ бояд барои назирии худ ба Худованд тақдим
кунад, ба замми он чи барои дороии ӯ дастрас аст; мувофиқи назре
ки кардааст, ӯ бояд ҳамон тавр, ба замми шариати назирии худ, ба
амал оварад».
[22] Ва Худованд ба Мусо сухан ронда, гуфт:
[23] «Ба Ҳорун ва писаронаш сухан ронда, бигӯ: банӣ-Исроилро
чунин баракат дода, ба онҳо бигӯед:+
[24] Бигзор Худованд туро баракат диҳад ва туро нигаҳбонӣ намояд!+
[25] Бигзор Худованд бо рӯи Худ бар ту партав афканад
ва туро марҳамат намояд!+
[26] Бигзор Худованд рӯи Худро сӯи ту нигаронад ва саломатӣ ба ту
бахшад!
[27] Бигзор исми Маро бар банӣ-Исроил бихонад, ва Ман онҳоро
баракат хоҳам дод».

## Инъомҳои раисон. Тақдиси маскан.

7 [1] Ва дар рӯзе ки Мусо барпо кардани масканро ба анҷом
расонид, ва онро тадҳин намуд, ва онро бо тамоми колояш, ва
қурбонгоҳро бо тамоми колояш тақдис намуд, ва онҳоро тадҳин ва
тақдис намуд,+
[2] Раисони Исроил, сардорони хонаводаҳошон, — ҳамонҳое ки
раисони сибтҳо буда, бар сари онҳое меистоданд, ки дар шумор
оварда шуда буданд, — наздик омаданд,
[3] Ва қурбонии худро ба ҳузури Худованд тақдим карданд: шаш
аробаи болопӯшида ва дувоздаҳ барзагов, яъне як ароба барои ду
раис, ва як барзагов барои ҳар яке; ва онҳоро ба ҳузури Худованд
наздик оварданд.
[4] Ва Худованд ба Мусо сухан ронда, гуфт:
[5] «Аз онҳо бигир, то ки барои иҷрои хизмати хаймаи ҷомеъ кор
фармуда шавад; ва онҳоро ба левизодагон, ба ҳар яке мувофиқи
хизматаш, бисупор».
[6] Ва Мусо аробаҳо ва барзаговҳоро гирифт, ва онҳоро ба
левизодагон супурд.
[7] Ду ароба ва чор барзаговро ба банӣ-Ҷершӯн, мувофиқи
хизматашон, супурд+.
[8] Ва чор ароба ва ҳашт барзаговро ба банӣ-Марорӣ, мувофиқи
хизматашон, зери назорати Итомор ибни Ҳоруни коҳин супурд+.
[9] Вале ба банӣ-Қаҳот чизе насупурд, зеро ки хизмати дохили қудс
ба зиммаи онҳо гузошта шуда буд, ва онҳо борҳоро бар китфи худ
мебардоштанд+.
[10] Ва раисон қурбониҳои тақдиси қурбонгоҳро дар рӯзи тадҳин
намудани он тақдим карданд; ва раисон қурбонии худро пеши
қурбонгоҳ тақдим карданд.
[11] Ва Худованд ба Мусо гуфт: «Бигзор ҳар раис як рӯз қурбонии
худро барои тақдиси қурбонгоҳ тақдим кунад».
[12] Ва дар рӯзи якум Наҳшӯн ибни Амминодоб, аз сибти Яҳудо,
қурбонии худро тақдим намуд;+
[13] Ва қурбонии ӯ иборат аз инҳо буд: як табақи нуқра, вазнаш саду
сӣ сиқл, як косаи нуқра, вазнаш ҳафтод сиқл бо сиқли муқаддас; ҳар
дуяш пур аз орди маҳини омехта бо равған, барои ҳадияи ордӣ;

14 Як қошуқи тилло, вазнаш даҳ сиқл, пур аз бухур;+
15 Як наргови ҷавон, як қӯчқор, як барраи нари яксола, барои
қурбонии сӯхтанӣ;+
16 Як нарбуз барои қурбонии гуноҳ;+
17 Ва барои забҳи саломатӣ ду наргов, панҷ қӯчқор, панҷ нарбуз,
панҷ барраи нари яксола; инҳо қурбонии Наҳшӯн ибни Амминодоб
буд+.
18 Дар рӯзи дуюм Натанъил ибни Суор, раиси Иссокор, тақдим
намуд+.
19 Вай қурбонии худро тақдим намуд, ки иборат аз инҳо буд: як
табақи нуқра, вазнаш саду сӣ сиқл, як косаи нуқра, вазнаш ҳафтод
сиқл бо сиқли муқаддас; ҳар дуяш пур аз орди маҳини омехта бо
равған, барои ҳадияи ордӣ;
20 Як қошуқи тилло, вазнаш даҳ сиқл, пур аз бухур;
21 Як наргови ҷавон, як қӯчқор, як барраи нари яксола, барои
қурбонии сӯхтанӣ;
22 Як нарбуз барои қурбонии гуноҳ;
23 Ва барои забҳи саломатӣ ду наргов, панҷ қӯчқор, панҷ нарбуз,
панҷ барраи нари яксола; инҳо қурбонии Натанъил ибни Суор буд.
24 Дар рӯзи сеюм — Элиоб ибни Ҳалӯн, раиси банӣ-Забулун+.
25 Қурбонии ӯ: як табақи нуқра, вазнаш саду сӣ сиқл, як косаи
нуқра, вазнаш ҳафтод сиқл бо сиқли муқаддас; ҳар дуяш пур аз орди
маҳини омехта бо равған, барои ҳадияи ордӣ;
26 Як қошуқи тилло, вазнаш даҳ сиқл, пур аз бухур;
27 Як наргови ҷавон, як қӯчқор, як барраи нари яксола, барои
қурбонии сӯхтанӣ;
28 Як нарбуз барои қурбонии гуноҳ;
29 Ва барои забҳи саломатӣ ду наргов, панҷ қӯчқор, панҷ нарбуз,
панҷ барраи нари яксола; инҳо қурбонии Элиоб ибни Ҳалӯн буд.
30 Дар рӯзи чорум — Элисур ибни Шадиуур, раиси банӣ-Реубен+.
31 Қурбонии ӯ: як табақи нуқра, вазнаш саду сӣ сиқл, як косаи
нуқра, вазнаш ҳафтод сиқл бо сиқли муқаддас; ҳар дуяш пур аз орди
маҳини омехта бо равған, барои ҳадияи ордӣ;
32 Як қошуқи тилло, вазнаш даҳ сиқл, пур аз бухур;
33 Як наргови ҷавон, як қӯчқор, як барраи нари яксола, барои
қурбонии сӯхтанӣ;

34 Як нарбуз барои қурбонии гуноҳ;
35 Ва барои забҳи саломатӣ ду наргов, панҷ қӯчқор, панҷ нарбуз,
панҷ барраи нари яксола; инҳо қурбонии Элисур ибни Шадиур буд.
36 Дар рӯзи панҷум — Шалумиил ибни Суришаддой, раиси банӣ-
Шимъӯн+.
37 Қурбонии ӯ: як табақи нуқра, вазнаш саду сӣ сиқл, як косаи
нуқра, вазнаш ҳафтод сиқл бо сиқли муқаддас; ҳар дуяш пур аз орди
маҳини омехта бо равған, барои ҳадияи ордӣ;
38 Як қошуқи тилло, вазнаш даҳ сиқл, пур аз бухур;
39 Як наргови ҷавон, як қӯчқор, як барраи нари яксола, барои
қурбонии сӯхтанӣ;
40 Як нарбуз барои қурбонии гуноҳ;
41 Ва барои забҳи саломатӣ ду наргов, панҷ қӯчқор, панҷ нарбуз,
панҷ барраи нари яксола; инҳо қурбонии Шалумиил ибни
Суришаддой буд.
42 Дар рӯзи шашум — Эльёсоф ибни Дауил, раиси банӣ-Ҷод+.
43 Қурбонии ӯ: як табақи нуқра, вазнаш саду сӣ сиқл, як косаи
нуқра, вазнаш ҳафтод сиқл бо сиқли муқаддас; ҳар дуяш пур аз орди
маҳини омехта бо равған, барои ҳадияи ордӣ;
44 Як қошуқи тилло, вазнаш даҳ сиқл, пур аз бухур;
45 Як наргови ҷавон, як қӯчқор, як барраи нари яксола, барои
қурбонии сӯхтанӣ;
46 Як нарбуз барои қурбонии гуноҳ;
47 Ва барои забҳи саломатӣ ду наргов, панҷ қӯчқор, панҷ нарбуз,
панҷ барраи нари яксола; инҳо қурбонии Эльёсоф ибни Дауил буд.
48 Дар рӯзи ҳафтум — Элишомоъ ибни Аммиҳуд, раиси банӣ-
Эфроим+.
49 Қурбонии ӯ: як табақи нуқра, вазнаш саду сӣ сиқл, як косаи
нуқра, вазнаш ҳафтод сиқл бо сиқли муқаддас, ҳар дуяш пур аз орди
маҳини омехта бо равған, барои ҳадияи ордӣ;
50 Як қошуқи тилло, вазнаш даҳ сиқл, пур аз бухур;
51 Як наргови ҷавон, як қӯчқор, як барраи нари яксола, барои
қурбонии сӯхтанӣ;
52 Як нарбуз барои қурбонии гуноҳ;
53 Ва барои забҳи саломатӣ ду наргов, панҷ қӯчқор, панҷ нарбуз,
панҷ барраи нари яксола; инҳо қурбонии Элишомоъ ибни Аммиҳуд

буд.
54 Дар рӯзи ҳаштум — Ҷамлиил ибни Фадоҳсур, раиси банӣ-
Менашше+.
55 Қурбонии ӯ: як табақи нуқра, вазнаш саду сӣ сиқл, як косаи
нуқра, вазнаш ҳафтод сиқл бо сиқли муқаддас; ҳар дуяш пур аз орди
маҳини омехта бо равған, барои ҳадияи ордӣ;
56 Як қошуқи тилло, вазнаш даҳ сиқл, пур аз бухур;
57 Як наргови ҷавон, як қӯчқор, як барраи нари яксола, барои
қурбонии сӯхтанӣ;
58 Як нарбуз барои қурбонии гуноҳ;
59 Ва барои забҳи саломатӣ ду наргов, панҷ қӯчқор, панҷ нарбуз,
панҷ барраи нари яксола; инҳо қурбонии Ҷамлиил ибни Фадоҳсур
буд.
60 Дар рӯзи нӯҳум — Абидон ибни Ҷидъӯнӣ, раиси банӣ-
Биньёмин+.
61 Қурбонии ӯ: як табақи нуқра, вазнаш саду сӣ сиқл, як косаи
нуқра, вазнаш ҳафтод сиқл бо сиқли муқаддас; ҳар дуяш пур аз орди
маҳини омехта бо равған, барои ҳадияи ордӣ;
62 Як қошуқи тилло, вазнаш даҳ сиқл, пур аз бухур;
63 Як наргови ҷавон, як қӯчқор, як барраи нари яксола, барои
қурбонии сӯхтанӣ;
64 Як нарбуз барои қурбонии гуноҳ;
65 Ва барои забҳи саломатӣ ду наргов, панҷ қӯчқор, панҷ нарбуз,
панҷ барраи нари яксола; инҳо қурбонии Абидон ибни Ҷидъӯнӣ буд.
66 Дар рӯзи даҳум — Аҳиозар ибни Аммишаддой, раиси банӣ-
Дон+.
67 Қурбонии ӯ: як табақи нуқра, вазнаш саду сӣ сиқл, як косаи
нуқра, вазнаш ҳафтод сиқл бо сиқли муқаддас; ҳар дуяш пур аз орди
маҳини омехта бо равған, барои ҳадияи ордӣ;
68 Як қошуқи тилло, вазнаш даҳ сиқл, пур аз бухур;
69 Як наргови ҷавон, як қӯчқор, як барраи нари яксола, барои
қурбонии сӯхтанӣ;
70 Як нарбуз барои қурбонии гуноҳ;
71 Ва барои забҳи саломатӣ ду наргов, панҷ қӯчқор, панҷ нарбуз,
панҷ барраи нари яксола; инҳо қурбонии Аҳиозар ибни Аммишаддой
буд.

72 Дар рӯзи ёздаҳум — Фаҷъиил ибни Окрон, раиси банӣ-Ошер+.
73 Қурбонии ӯ: як табақи нуқра, вазнаш саду сӣ сиқл, як косаи
нуқра, вазнаш ҳафтод сиқл бо сиқли муқаддас; ҳар дуяш пур аз орди
маҳини омехта бо равған, барои ҳадияи ордӣ;
74 Як қошуқи тилло, вазнаш даҳ сиқл, пур аз бухур;
75 Як наргови ҷавон, як қӯчқор, як барраи нари яксола, барои
қурбонии сӯхтанӣ;
76 Як нарбуз барои қурбонии гуноҳ;
77 Ва барои забҳи саломатӣ ду наргов, панҷ қӯчқор, панҷ нарбуз,
панҷ барраи нари яксола; инҳо қурбонии Фаҷъиил ибни Окрон буд.
78 Дар рӯзи дувоздаҳум — Аҳираъ ибни Энон, раиси банӣ-
Нафтолӣ+.
79 Қурбонии ӯ: як табақи нуқра, вазнаш саду сӣ сиқл, як косаи
нуқра, вазнаш ҳафтод сиқл бо сиқли муқаддас; ҳар дуяш пур аз орди
маҳини омехта бо равған, барои ҳадияи ордӣ;
80 Як қошуқи тилло, вазнаш даҳ сиқл, пур аз бухур;
81 Як наргови ҷавон, як қӯчқор, як барраи нари яксола, барои
қурбонии сӯхтанӣ;
82 Як нарбуз барои қурбонии гуноҳ;
83 Ва барои забҳи саломатӣ ду наргов, панҷ қӯчқор, панҷ нарбуз,
панҷ барраи нари яксола; инҳо қурбонии Аҳираъ ибни Энон буд.
84 Инҳо буд ҳадия ва қурбониҳои тақдиси қурбонгоҳ дар рӯзи
тадҳин кардани он, аз ҷониби раисони Исроил: дувоздаҳ табақи
нуқра, дувоздаҳ косаи нуқра, дувоздаҳ қошуқи тилло.
85 Саду сӣ сиқл нуқра дар ҳар табақ буд, ва ҳафтод сиқл дар ҳар
коса; тамоми нуқраи ин коло ду ҳазору чорсад сиқл бо сиқли
муқаддас буд.
86 Дувоздаҳ қошуқи тиллои пур аз буҳур, вазни ҳар кадомаш даҳ
сиқл бо сиқли муқаддас, тамоми тиллои қошуқҳо саду бист сиқл буд.
87 Ҷамъи чорпоён барои қурбонии сӯхтанӣ: дувоздаҳ наргови
ҷавон, дувоздаҳ қӯчқор, дувоздаҳ барраи нари яксола бо ҳадияи
ордии онҳо, ва дувоздаҳ нарбуз барои қурбонии гуноҳ.
88 Ва ҷамъи чорпоён барои забҳи саломатӣ: бисту чор наргов, шаст
қӯчқор, шаст нарбуз, шаст барраи нари яксола; ин буд тақдиси
қурбонгоҳ баъд аз тадҳини он.

[89] Ва ҳангоме ки Мусо ба хаймаи ҷомеъ даромад, то ки бо Ӯ сухан ронад, овозеро шунид, ки аз болои сарпӯше ки бар сандуқи шаҳодат буд, аз миёни ду карруби ба вай сухан меронд; ва Ӯ ба вай сухан меронд+.

## Дар бораи чароғдонҳо ва чароғҳо.

8 [1] Ва Худованд ба Мусо сухан ронда, гуфт:
[2] «Ба Ҳорун сухан ронда, ба вай бигӯ: вақте ки чароғҳоро
дармегиронӣ, бигзор ин ҳафт чароғ ба тарафи пеши чароғдон
рӯшноӣ диҳад».
[3] Ва Ҳорун чунин кард: ба тарафи пеши чароғдон чароғҳои онро
даргиронид, чунон ки Худованд ба Мусо амр фармуда буд.
[4] Ва ин аст сохти чароғдон: тиллои яклухти мазруб, пояаш то
гулҳояш яклухти мазруб; мувофиқи намунае ки Худованд ба Мусо
нишон дода буд, ӯ чароғдонро ҳамин тавр сохт.

## Татҳири левизодагон.

[5] Ва Худованд ба Мусо сухан ронда, гуфт:
[6] «Левизодагонро аз миёни банӣ-Исроил бигир ва онҳоро татҳир
намо.
[7] Ва барои татҳирашон ба онҳо чунин амал намо: оби татҳири
гуноҳро бар онҳо бипош, ва бигзор онҳо тамоми бадани худро бо
поку битарошанд, ва либосҳои худро бишӯянд, ва пок хоҳанд шуд;+
[8] Ва наргови ҷавонеро бо ҳадияи ордии он, ки орди маҳини
омехта бо равған бошад, бигиранд, ва ту наргови ҷавони дуюмро
барои қурбонии гуноҳ бигир+.
[9] Ва левизодагонро назди хаймаи ҷомеъ биёр, ва тамоми ҷамоати
банӣ-Исроилро ҷамъ намо.
[10] Ва левизодагонро ба ҳузури Худованд наздик овар, ва бигзор
банӣ-Исроил дастҳои худро бар левизодагон бимонанд.
[11] Ва бигзор Ҳорун левизодагонро ба ҳузури Худованд аз ҷониби
банӣ-Исроил ҳамчун инъоми ҷунбониданӣ ба ҷунбиш оварад, то ки
онҳо барои иҷрои хизмати Худованд тақдис ёбанд.
[12] Ва бигзор левизодагон дастҳои худро бар сари нарговон
бимонанд; ва ту якеро ҳамчун қурбонии гуноҳ, ва дигареро ҳамчун
қурбонии сӯхтанӣ ба Худованд, барои кафорати левизодагон, тақдим
намо.
[13] Ва левизодагонро пеши Ҳорун ва писаронаш истонида, онҳоро
ҳамчун инъоми ҷунбониданӣ барои Худованд ба ҷунбиш овар.

[14] Ва левизодагонро аз миёни банӣ-Исроил ҷудо намо, ва
левизодагон аз они Ман хоҳанд буд+.
[15] Ва баъд аз ин, левизодагон барои иҷрои хизмати хаймаи ҷомеъ
хоҳанд омад, ва ту онҳоро татҳир намо, ва онҳоро ҳамчун инъоми
ҷунбониданӣ ба ҷунбиш овар.
[16] Зеро ки онҳо аз миёни банӣ-Исроил комилан ба Ман дода
шудаанд; дар ивази ҳар раҳимкушо, яъне ҳар нахустзода аз банӣ-
Исроил, Ман онҳоро барои худ гирифтаам+.
[17] Зеро ки ҳар нахустзодаи банӣ-Исроил, аз одамон то чорпоён, аз
они Ман аст: дар рӯзе ки Ман ҳар нахустзодаро дар замини Миср
зарба задам, инҳоро барои Худ тақдис намудам.
[18] Ва левизодагонро дар ивази ҳамаи нахустзодагони банӣ-Исроил
гирифтам.
[19] Ва левизодагонро аз миёни банӣ-Исроил дода, ба Ҳорун ва
писаронаш тобеъ кардам, то ки хизмати банӣ-Исроилро дар хаймаи
ҷомеъ ба ҷо оваранд ва банӣ-Исроилро кафорат намоянд, ва ҳангоме
ки банӣ-Исроил ба қудс наздик оянд, осебе ба банӣ-Исроил
нарасад»+.
[20] Ва Мусо ва Ҳорун ва тамоми ҷамоати банӣ-Исроил ба
левизодагон чунин амал карданд: мувофиқи ҳар он чи Худованд ба
Мусо дар бораи левизодагон амр фармуда буд, банӣ-Исроил ба онҳо
ҳамон тавр амал карданд.
[21] Ва левизодагон бо оби татҳири гуноҳ пок шуданд, ва либосҳои
худро шустанд; ва Хорун онҳоро ҳамчун инъоми ҷунбониданӣ ба
ҳузури Худованд ба ҷунбиш овард, ва Ҳорун онҳоро, барои пок
шуданашон, кафорат намуд.
[22] Ва баъд аз ин, левизодагон даромаданд, то ки хизмати худро дар
хаймаи ҷомеъ пеши Ҳорун ва писаронаш ба ҷо оваранд; чунон ки
Худованд ба Мусо дар бораи левизодагон амр фармуда буд, ончунон
ба онҳо амал карданд.
[23] Ва Худованд ба Мусо сухан ронда, гуфт:
[24] «Ин аст дастур дар бораи левизодагон: аз синни бисту панҷсола
ва болотар онҳо бояд ба хизмат дохил шаванд, то ки корҳои хаймаи
ҷомеъро ба ҷо оваранд+.
[25] Ва аз синни панҷоҳсолагӣ аз хизмат фориғ шуда, дигар кор
накунанд.

[26] Вале ба бародарони худ дар хаймаи ҷомеъ барои навбатдорӣ кӯмак расонанд, аммо кор накунанд; ба левизодагон оид ба иҷрои вазифаҳошон чунин амал намо».

## Дастурот дар бораи фисҳ.

9 1 Ва Худованд ба Мусо дар биёбони Сино дар соли дуюми аз
Миср берун омаданашон, дар моҳи якум, сухан ронда, гуфт:
2 «Бигзор банӣ-Исроил фисҳро дар мӯҳлати он ба ҷо оваранд+.
3 Дар рӯзи чордаҳуми ҳамин моҳ, шомгоҳ, онро дар мӯҳлаташ ба
ҷо оваред; мувофиқи тамоми фароизаш ва тамоми аҳкомаш онро ба
амал оваред».
4 Ва Мусо ба банӣ-Исроил гуфт, ки фисҳро ба ҷо оваранд.
5 Ва фисҳро дар моҳи якум, дар рӯзи чордаҳуми моҳ, шомгоҳ, дар
биёбони Сино ба ҷо оварданд; мувофиқи ҳар он чи Худованд ба Мусо
амр фармуда буд, банӣ-Исроил ҳамон тавр амал карданд.
6 Вале одамоне буданд, ки ба ҷасади мурда расида наҷис шуда
буданд, ва фисҳро дар он рӯз наметавонистанд ба ҷо оваранд; ва онҳо
дар он рӯз назди Мусо ва Ҳорун омаданд+.
7 Ва он одамон ба ӯ гуфтанд: «Мо ба ҷасади мурда расида наҷис
шудаем; пас чаро мо маҳрум аз он бошем, ки қурбонии Худовандро
дар мӯҳлаташ дар миёни банӣ-Исроил тақдим намоем?»
8 Ва Мусо ба онҳо гуфт: «Биистед, то бишнавам, ки Худованд дар
бораи шумо чӣ амр мефармояд».
9 Ва Худованд ба Мусо сухан ронда, гуфт:
10 «Ба банӣ-Исроил сухан ронда, бигӯ: ҳар кӣ аз шумо ё аз наслҳои
шумо ба ҷасади мурда расида наҷис шуда бошад, ё дар сафари дур
бошад, бояд вай низ фисҳи Худовандро ба ҷо оварад.
11 Бигзор дар моҳи дуюм, дар рӯзи чордаҳум, шомгоҳ, онро ба ҷо
оваранд; бо фатир ва бо сабзаи талх онро бихӯранд+.
12 Чизе аз он то субҳ боқӣ нагузоранд, ва устухонҳояшро
нашикананд; мувофиқи тамоми фароизи фисҳ онро ба ҷо оваранд+.
13 Валекин касе ки пок бошад, ва дар сафар набошад, ва аз иҷрои
фисҳ гардан тобад, он кас аз миёни қавми худ маҳв хоҳад шуд, зеро
ки қурбонии Худовандро дар мӯҳлаташ тақдим накардааст; он кас
барои гуноҳи худ ҷазо хоҳад ёфт.
14 Ва агар ғарибе дар миёни шумо сокин шавад, бояд вай низ
фисҳи Худовандро ба ҷо оварад, мувофиқи фаризаи фисҳ ва дастури
он амал намояд; барои шумо як фариза хоҳад буд, — ҳам барои ғариб
ва ҳам барои тубҷоӣ»+.

## Дар бораи абре ки масканро мепӯшонид.

[15] Ва дар рӯзе ки маскан барпо шуд, абр масканро, ки хаймаи
шаҳодат буд, пӯшонид, ва аз шом то субҳ бар маскан чизе мисли
зуҳури оташ намоён буд+.
[16] Ҳамеша чунин буд: абр рӯзона онро мепӯшонид, ва шабона —
зуҳури оташ.
[17] Ва ҳар вақте ки абр аз хайма баланд мешуд, аз паи он банӣ-
Исроил кӯч мекарданд, ва дар маконе ки абр таваққуф менамуд, он
ҷо банӣ-Исроил ӯрду мезаданд+.
[18] Бо ҳидояти Худованд банӣ-Исроил кӯч мекарданд, ва бо
ҳидояти Худованд ӯрду мезаданд; дар ҳамаи рӯзҳое ки абр бар
маскан таваққуф менамуд, онҳо дар ӯрдугоҳ мемонданд.
[19] Ва агар абр рӯзҳои бисьёр бар маскан таваққуф мекард, банӣ-
Исроил ин дастури Худовандро пайравӣ намуда, кӯч намекарданд.
[20] Ва баъзан абр якчанд рӯз бар маскан меистод, — онҳо бо
ҳидояти Худованд дар ӯрдугоҳ мемонданд ва бо ҳидояти Худованд
кӯч мекарданд.
[21] Ва баъзан абр аз шом то субҳ меистод, ва субҳидам абр баланд
мешуд, — он вақт онҳо низ кӯч мекарданд; ё ки абр як шабонарӯз
таваққуф намуда, баъд баланд мешуд, — онҳо низ кӯч мекарданд.
[22] Ё ки абр агар ду рӯз ё як моҳ ё як сол бар маскан таваққуф
намуда, бар он мемонд, — банӣ-Исроил низ дар ӯрдугоҳ монда, кӯч
намекарданд; ва ҳангоме ки он баланд мешуд, онҳо кӯч мекарданд.
[23] Бо ҳидояти Худованд ӯрду мезаданд ва бо ҳидояти Худованд кӯч
мекарданд; ва дастури Худовандро мувофиқи он чи Худованд ба
воситаи Мусо амр фармуда буд, пайравӣ мекарданд.

## Дар бораи карнайҳои нуқра.

10 [1]Ва Худованд ба Мусо сухан ронда, гуфт:
[2]«Барои худ ду карнаи нуқра бисоз, онҳоро яклухти мазруб
бисоз, то ки ба ту барои даъват кардани ҷамоат ва барои кӯчонидани
ӯрдуҳо хизмат кунанд.
[3]Ва ҳангоме ки ҳар дуро бинавозанд, тамоми ҷамоат назди ту ба
дари хаймаи ҷомеъ ҷамъ хоҳанд шуд+.
[4]Ва агар якеро бинавозанд, раисон, сардорони сибтҳои Исроил
назди ту ҷамъ хоҳанд шуд.
[5]Ва ҳангоме ки бо садои дуру дароз бинавозед, ӯрдуҳое ки ба
тарафи шарқ мебошанд, кӯч хоҳанд кард+.
[6]Ва ҳангоме ки дафъаи дуюм бо садои дуру дароз бинавозед,
ӯрдуҳое ки ба тарафи ҷануб мебошанд, кӯч хоҳанд кард; бигзор
барои кӯч карданашон бо садои дуру дароз бинавозанд+.
[7]Ва дар вақти ҷамъ кардани ҷамоат бинавозед, валекин на бо
садои дуру дароз.
[8]Ва банӣ-Ҳорун бояд карнайҳоро бинавозанд; ин барои шумо
фаризаи абадӣ дар наслҳотон хоҳад буд+.
[9]Ва ҳангоме ки дар замини худ бар зидди душмани ба танг
оварандаи шумо ба ҷанг меравед, карнайҳоро бо садои дуру дароз
бинавозед; ва дар ҳузури Худованд Худои худ ба ёд оварда хоҳед шуд,
ва аз душманони худ наҷот хоҳед ёфт+.
[10]Ва дар рӯзи хурсандии худ, ва дар идҳо ва навмоҳҳои худ
карнайҳоро бар қурбониҳои сӯхтанӣ ва забҳҳои саломатии худ
бинавозед, ва ин барои шумо ба ҳузури Худои шумо ёдгорӣ хоҳад
буд. Ман Худованд Худои шумо ҳастам»+.

## Сафар аз Сино то Кодеш-Барнеа; таваққуф дар Форон.

[11]Ва чунин воқеъ шуд, ки дар соли дуюм, дар моҳи дуюм, дар рӯзи
бистуми моҳ, абр аз болои маскани шаҳодат баланд шуд.
[12]Ва банӣ-Исроил барои сафари худ аз биёбони Сино кӯч карданд;
ва абр дар биёбони Форон таваққуф намуд+.
[13]Ва онҳо дафъаи аввал мувофиқи амри Худованд, ки ба воситаи
Мусо фармуда шуда буд, кӯч карданд.

14 Ва байрақи ӯрдуи банӣ-Яҳудо аввалин шуда бо фавҷҳои онҳо
кӯч кард, ва бар фавҷи вай Наҳшӯн ибни Амминодоб буд+.
15 Ва бар фавҷи сибти банӣ-Иссокор — Натанъил ибни Суор.
16 Ва бар фавҷи сибти банӣ-Забулун — Элиоб ибни Ҳалӯн.
17 Ва маскан фурӯд оварда шуд, ва банӣ-Ҷершӯн ва банӣ-Марорӣ,
ки бардорандагони маскан буданд, кӯч карданд+.
18 Ва байрақи ӯрдуи Реубен бо фавҷҳои онҳо кӯч кард, ва бар
фавҷи вай Элисур ибни Шадиур буд+.
19 Ва бар фавҷи сибти банӣ-Шимъӯн — Шалумиил ибни
Суришаддой.
20 Ва бар фавҷи сибти банӣ-Ҷод — Эльёсоф ибни Дауил.
21 Ва қаҳотиён, ки бардорандагони қудс буданд, кӯч карданд, ва
масканро то омадани онҳо барпо карда буданд+.
22 Ва байрақи ӯрдуи банӣ-Эфроим бо фавҷҳои онҳо кӯч кард, ва
бар фавҷи вай Элишомоъ ибни Аммиҳуд буд+.
23 Ва бар фавҷи сибти банӣ-Менашше — Ҷамлиил ибни Фадоҳсур.
24 Ва бар фавҷи сибти банӣ-Биньёмин — Абидон ибни Ҷидъӯнӣ.
25 Ва байрақи ӯрдуи банӣ-Дон, ки соқаи ҳамаи ӯрдуҳо буд, бо
фавҷҳои онҳо кӯч кард, ва бар фавҷи вай Аҳиозар ибни Аммишаддой
буд+.
26 Ва бар фавҷи сибти банӣ-Ошер — Фаҷъиил ибни Окрон.
27 Ва бар фавҷи сибти банӣ-Нафтолӣ — Аҳираъ ибни Энон.
28 Ҳамин буд тартиби сафари банӣ-Исроил бо фавҷҳои онҳо; ва
онҳо кӯч карданд.
29 Ва Мусо ба Ҳубоб ибни Рауили мидьёнӣ, ки додарарӯси Мусо
буд, гуфт: «Мо ба маконе кӯч мекунем, ки Худованд дар бораи он
гуфтааст: „Онро ба шумо хоҳам дод“. Пас, ту ҳамроҳи мо биё, ва мо
ба ту некӣ хоҳем кард, зеро ки Худованд дар бораи Исроил суханони
нек гуфтааст»+.
30 Вале вай ба ӯ гуфт: «Намеоям, балки ба замини худ ва ба
зодгоҳи худ хоҳам рафт».
31 Ва ӯ гуфт: «Моро тарк накун, зеро чӣ гуна дар биёбон ӯрду
задани моро ту медонӣ, ва ту барои мо мисли чашм хоҳӣ буд;
32 Ва агар ҳамроҳи мо биёӣ, ҳар некие ки Худованд ба мо бикунад,
он некиро мо ба ту хоҳем кард»+.

[33] Ва онҳо аз кӯҳи Худованд роҳи серӯзаро тай карданд, ва сандуқи
аҳди Худованд пешопеши онҳо равона шуда, роҳи серӯзаро тай
намуд, то ки урдугоҳе барои онҳо пайдо кунад.
[34] Ва абри Худованд бар онҳо рӯзона соя меафканд, вақте ки аз
ӯрдугоҳ кӯч мекарданд+.
[35] Ва ҳангоме ки кӯч кардани сандуқ лозим мешуд, Мусо мегуфт:
«Эй Худованд, бархез,
то ки душманонат пароканда шаванд,
ва бадхоҳонат аз пешат бигрезанд!»+
[36] Ва ҳангоми таваққуф кардани он мегуфт:
«Эй Худованд, ба ҳазорон-ҳазор
исроилиён осоиш бидеҳ!»

## Оташи Худованд назди Табъира.

11 [1] Ва қавм шикоят карда, дар гӯши Худованд суханони бад
гуфтанд; ва Худованд инро шунида, хашмаш аланга зад, ва
оташи Худованд дар миёни онҳо даргирифта, канори ӯрдугоҳро
сӯзонид+.
[2] Ва қавм сӯи Мусо фарьёд заданд; ва Мусо сӯи Худованд дуо гуфт,
ва оташ хомӯш шуд+.
[3] Ва он маконро Табъира* ном монданд, зеро ки дар миёни онҳо
оташи Худованд даргирифт.
[4] Ва издиҳоми бегонаҳое ки дар миёни онҳо буданд, булҳавасӣ
зоҳир намуданд, ва банӣ-Исроил низ боз гириста, гуфтанд: «Кист, ки
моро гӯшт бихӯронад!+
[5] Моҳиро, ки дар Миср муфт мехӯрдем, ва бодиринг, ва харбуза, ва
тара, ва сирро ёд мекунем.
[6] Ва алҳол ҷисми мо хушк шудааст, чизе барои хӯрдан нест, фақат
ин манн пеши чашмони мост»+.
[7] Ва манн мисли тухми кашниҷ буд, ва намудаш мисли намуди
булӯр.
[8] Қавм гардиш карда, онро мечиданд, ва бо дастос ос мекарданд, ё
дар ҳован мекӯфтанд, ва дар дег мепухтанд, ва кулчаҳо аз он
месохтанд; ва таъми он мисли таъми илики равғанин буд+.
[9] Ва ҳангоме ки бар ӯрдугоҳ шабона шабнам меборид, манн бар он
меборид.

## Андӯҳи Мусо.

[10] Ва Мусо қавмро шунид, ки бо аҳли оилаи худ, ҳар яке назди
дари хаймаи худ гирья мекунанд; ва хашми Худованд бағоят аланга
зада буд, ва ин дар назари Мусо андӯҳовар буд.
[11] Ва Мусо ба Худованд гуфт: «Чаро ба бандаи Худ бадӣ кардӣ? Ва
чаро дар назарат илтифот наёфтам, ки бори тамоми ин қавмро бар
ман гузоштӣ?
[12] Оё ман тамоми ин қавмро ҳомила шудаам, ва оё ман онҳоро
зоидаам, ки ту ба ман мегӯӣ: „Мисли дояе ки бачаи ширмакро
мебардорад, ту онҳоро дар огӯши худ гирифта, ба замине бибар“, ки
Ту онро ба падаронашон қасам хӯрда ваъда кардаӣ?

[13] Ман гӯшт аз куҷо пайдо кунам, то ки ба тамоми ин қавм
бидиҳам? Зеро ки онҳо пеши ман гирья карда, мегӯянд: „Ба мо гӯшт
бидеҳ, ки бихӯрем“.
[14] Ман танҳо наметавонам бори тамоми ин қавмро бардорам, зеро
ки ин барои ман бениҳоят гарон аст+.
[15] Ва модоме ки Ту бо ман чунин рафтор менамоӣ, беҳтар аст, ки
маро бикушӣ, — агар дар назарат илтифот ёфта бошам, — то ки ман
бадбахтии худро набинам»+.

## Ҳафтод нафар пирон.

[16] Ва Худованд ба Мусо гуфт: «Ҳафтод нафар аз пирони Исроил, ки
ту онҳоро мешиносӣ, ки пирони қавм ва нозиронашон мебошанд,
барои Ман ҷамъ кун, ва онҳоро назди хаймаи ҷомеъ биёр, то ки дар
он ҷо бо ту биистанд+.
[17] Ва Ман фурӯд омада, дар он ҷо бо ту сухан хоҳам ронд, ва аз
Рӯҳе ки бар туст, гирифта бар онҳо хоҳам гузошт, то ки онҳо бо ту
бори ин қавмро бардоранд, ва ту танҳо нахоҳӣ бардошт+.
[18] Ва ба қавм бигӯ: „Барои фардо омода шавед, ва гӯшт хоҳед хӯрд,
зеро ки дар гӯши Худованд гириста гуфтаед: кист, ки моро гӯшт
бихӯронад? Чунки дар Миср барои мо хуб буд, — пас, Худованд ба
шумо гӯшт хоҳад дод, то ки бихӯред+.
[19] На як рӯз хоҳед хӯрд, ва на ду рӯз, ва на панҷ рӯз, ва на даҳ рӯз,
ва на бист рӯз,
[20] Балки тамоми моҳ, то ки он аз бинии шумо барояд ва барои
шумо нафратангез шавад, чунки аз Худованд, ки дар миёни шумост,
нафрат намудед, ва пеши Ӯ гирья карда гуфтед: чаро аз Миср берун
омадем?“»
[21] Ва Мусо гуфт: «Қавме ки ман дар миёни онҳоям, шашсад ҳазор
нафар пиёдаанд, ва Ту мегӯӣ: „Ман ба онҳо гӯшт хоҳам дод, то ки
моҳи тамом бихӯранд“+.
[22] Агар ҳамаи гӯсфандон ва говон барои онҳо кушта шавад, оё ин
барояшон кифоят мекунад? Агар ҳамаи моҳиёни баҳр барои онҳо
ҷамъ карда шавад, оё ин барояшон кифоят мекунад?»
[23] Ва Худованд ба Мусо гуфт: «Оё дасти Худованд кӯтоҳ аст? Алҳол
хоҳӣ дид, ки оё суханам бар ту ба амал меояд ё не»+.

24 Ва Мусо берун омада, суханони Худовандро ба қавм гуфт, ва аз
пирони қавм ҳафтод нафар ҷамъ карда, онҳоро дар гирду пеши
хайма гузошт.
25 Ва Худованд дар абр фурӯд омада, ба ӯ сухан ронд, ва аз Рӯҳе ки
бар ӯ буд, гирифта, бар ҳафтод нафар пирон кӯчонид; ва ҳангоме ки
Рӯҳ бар онҳо қарор гирифт, нубувват карданд, вале давом надоданд.

## Пешгӯиҳои Элдод ва Медод.

26 Ва ду нафар аз пирон дар ӯрдугоҳ монданд, ки номи яке Элдод
буд, ва номи дигаре Медод; ва бар онҳо низ Рӯҳ қарор гирифт, зеро ки
онҳо аз ҷумлаи навишташудагон буданд, ва агарчи назди хайма
набаромаданд, дар ӯрдугоҳ нубувват карданд.
27 Ва амраде давида омад, ва ба Мусо хабар дода, гуфт: «Элдод ва
Медод дар ӯрдугоҳ нубувват мекунанд».
28 Ва Еҳушаъ ибни Нун, ки аз айёми ҷавонияш хизматгузори Мусо
буд, ҷавоб гардонида, гуфт: «Оғоям Мусо! Онҳоро ҳабс намо».
29 Вале Мусо ба вай гуфт: «Оё ту барои ман рашк мебарӣ? Кошки
тамоми қавми Худованд анбиё мебуданд, ва Худованд Рӯҳи худро
бар онҳо равона мекард!»
30 Ва Мусо бо пирони Исроил ба ӯрдугоҳ баргашт.

## Бедонаҳо ва вабо.

31 Ва боде бо амри Худованд бархоста, бедонаҳоро аз ҷониби баҳр
овард, ва онҳоро дар атрофи ӯрдугоҳ, тақрибан якрӯза роҳ ба ин
тараф ва якрӯза роҳ ба он тараф, пароканда кард, дар сурате ки
парвозашон тақрибан ду зироъ аз рӯи замин болотар буд+.
32 Ва қавм бархоста, тамоми он рӯз ва тамоми шабаш ва тамоми
рӯзи дигар бедонаҳоро ҷамъ карданд; ва касе ки кам чида буд, даҳ
ғарам ҷамъ кард, ва онҳоро дар атрофи ӯрдугоҳ барои худ паҳн
карданд.
33 Гӯшт ҳанӯз дар миёни дандонҳошон буд, пеш аз он ки хоида
фурӯ баранд, хашми Худованд бар қавм аланга зад, ва Худованд
қавмро бо вабои бағоят азиме зарба зад.
34 Ва он маконро Қибрӯт-Ҳатаави* ном монданд, зеро ки дар он ҷо
қавми булҳавасро дафн карданд.

35 Аз Қибрӯт-Ҳатаавo қавм ба Ҳасирӯт кӯч карданд, ва дар Ҳасирӯт ӯрду заданд+.

## Мазаммати Марьям ва Ҳорун.

12 1 Ва Марьям ва Ҳорун Мусоро дар бораи зани ҳабашие ки
гирифта буд, мазаммат карданд, зеро ки ӯ зани ҳабашӣ гирифта
буд;
2 Ва гуфтанд: «Оё Худованд фақат бо Мусо сухан рондааст? Ӯ, охир,
бо мо низ сухан рондааст». Ва Худованд инро шунид.
3 Ва Мусо марди бағоят фурӯтан буд, бештар аз ҳар одаме ки бар
рӯи замин аст.
4 Ва Худованд ногаҳон ба Мусо ва Ҳорун ва Марьям гуфт: «Ҳар
сеятон сӯи хаймаи ҷомеъ берун оед». Ва ҳар сеяшон берун омаданд.
5 Ва Худованд дар сутуни абр фурӯд омада, назди дари хайма
истод, ва Ҳорун ва Марьямро хонд. Ва ҳар дуяшон берун омаданд.
6 Ва Ӯ гуфт:
«Суханони Маро бишнавед:
агар дар миёни шумо набии Худованд бошад,
Ман дар рӯъё ба вай зоҳир мешавам,
дар хоб бо вай сухан меронам+.
7 Аммо бандаи Ман Мусо чунин нест;
ӯ дар тамоми хонаи Ман амин аст+.
8 Ман бо ӯ рӯ ба рӯ ва ошкоро,
ва на бо рамз, сухан меронам,
ва ӯ симои Худовандро мебинад;
пас, чаро шумо натарсида,
бандаи Ман Мусоро мазаммат кардед?»+
9 Ва хашми Худованд бар онҳо аланга зад, ва Ӯ рафт.
10 Ва абр аз болои хайма дур шуд, ва инак, Марьям аз махав мисли
барф сафед шуда буд; ва Ҳорун ба Марьям назар андохт, ва инак, вай
махавӣ гардидааст+.
11 Ва Ҳорун ба Мусо гуфт: «Лутфан, эй оғоям, бори ин гуноҳро, ки
аҳмақона рафтор карда, гуноҳкор шудаем, ба гардани мо намон;
12 Бигзор вай мисли мурдае нагардад, ки чун аз раҳими модараш
берун ояд, нисфи баданаш пӯсида бошад».
13 Ва Мусо сӯи Худованд фарьёд кашида, гуфт: «Лутфан, эй Худо, ба
вай шифо бибахш!»

[14] Ва Худованд ба Мусо гуфт: «Агар падараш ба рӯи вай туф
мекард, оё вай ҳафт рӯз наҷис намешуд? Пас, бигзор вай ҳафт рӯз
берун аз ӯрдугоҳ ҷудо гузошта шавад, ва баъд аз он баргардад»+.
[15] Ва Марьям ҳафт рӯз берун аз ӯрдугоҳ ҷудо гузошта шуд; ва қавм
то вақти баргаштани Марьям кӯч накарданд.

[16] •Ва баъд аз он, қавм аз Ҳасирӯт кӯч карда, дар биёбони Форон
ӯрду заданд+.

## Назди Қодеш-Барнеа; фиристодани ҷосусон.

13
1 Ва Худованд ба Мусо сухан ронда, гуфт:
2 «Одамонро аз ҷониби худ бифирист, то ки замини
Канъонро, ки Ман ба банӣ-Исроил медиҳам, ҷосусӣ кунанд;
якнафарӣ аз ҳар сибти падарони онҳо, ки ҳар яке дар миёни онҳо
сарвар бошад, бифиристед»+.
3 Ва Мусо, мувофиқи амри Худованд, онҳоро аз биёбони Форон
фиристод, ки ҳамаи он мардон сардорони банӣ-Исроил буданд+.
4 Ва ин аст номҳои онҳо: аз сибти Реубен — Шамуа ибни Заккур;
5 Аз сибти Шимъӯн — Шофот ибни Ҳӯрӣ;
6 Аз сибти Яхудо — Колеб ибни Ефунне;+
7 Аз сибти Иссокор — Йиҷъол ибни Юсуф;
8 Аз сибти Эфроим — Ҳушаъ ибни Нун;
9 Аз сибти Биньёмин — Фалтӣ ибни Рафу;
10 Аз сибти Забулун — Ҷаддиил ибни Сӯдӣ;
11 Аз сибти Юсуф: аз сибти Менашше — Ҷаддӣ ибни Сусӣ;
12 Аз сибти Дон — Аммиил ибни Ҷамалӣ;
13 Аз сибти Ошер — Сатур ибни Микоил;
14 Аз сибти Нафтолӣ — Наҳбӣ ибни Вофсӣ;
15 Аз сибти Ҷод — Ҷауил ибни Мокӣ.
16 Ин аст номҳои одамоне ки Мусо фиристод, то ки заминро
ҷосусӣ кунанд; ва Мусо Ҳушаъ ибни Нунро Еҳушаъ ном монд+.
17 Ва Мусо онҳоро фиристод, то ки замини Канъонро ҷосусӣ
кунанд, ва ба онҳо гуфт: «Аз ин ҷо ба Наҷаб* равона шуда, бар
кӯҳистон бароед;
18 Ва заминро бубинед, ки он чӣ гуна аст, ва қавме ки дар он
сокинанд, оё пурзӯранд ё камқувват? Оё камшуморанд ё сершумор?
19 Ва замине ки онҳо дар он сокинанд, чӣ гуна аст: оё хуб аст ё бад?
Ва шаҳрҳое ки дар онҳо сокинанд, чӣ гуна аст: оё дар хаймаҳои
ӯрдугоҳҳо сокинанд ё дар қалъаҳо?
20 Ва замин чӣ гуна аст: оё ҳосилхез аст ё бесамар? Дарахте дорад ё
не? Пас, далер бошед, ва аз меваи замин бигиред». Ва он айём
мавсими ангурпазӣ буд.
21 Ва онҳо баромада, заминро аз биёбони Син то Раҳуб, ки назди
Ҳамот буд, ҷосусӣ карданд.

22 Ва ба Наҷаб баромада, то Ҳебрӯн расиданд, ки Аҳимон, Шешай
ва Талмай, фарзандони Аноқ, он чо буданд; ва Ҳебрӯн ҳафт сол пеш
аз Сӯани Миср бино ёфта буд+.
23 Ва ба водии Эшкӯл омаданд, ва аз он ҷо шохаи токро бо як хӯша
ангур бурида, бо чӯбдасте дукаса бардоштанд; аз меваи анор ва анҷир
низ гирифтанд+.
24 Он макон, ба сабаби хӯшаи ангуре ки банӣ-Исроил аз он ҷо
бурида буданд, водии Эшкӯл* номида шуд.

## Хабари ҷосусоне ки баргаштанд.

25 Ва онҳо, пас аз он ки заминро чил рӯз ҷосусӣ карданд,
баргаштанд.
26 Ва раҳсипор шуда, назди Мусо ва Ҳорун ва тамоми ҷамоати
банӣ-Исроил ба биёбони Форон, ба Қодеш расиданд, ва ба онҳо ва
тамоми ҷамоат хабар оварданд, ва меваи заминро ба онҳо нишон
доданд.
27 Ва ба ӯ ҳикоят карда, гуфтанд: «Ба замине ки моро фиристодӣ,
рафтем, ва дар он ҳақиқатан шир ва асал ҷорист, ва ин аст меваи он.
28 Аммо қавме ки сокини он заминанд, пурзӯранд, ва шаҳрҳояш
ҳисордори азим аст, ва фарзандони Аноқро низ дар он ҷо дидем.
29 Амолеқиён дар замини Наҷаб сукунат доранд, ва ҳиттиён ва
ябусиён ва амӯриён дар кӯҳистон сокинанд, ва канъониён назди
баҳр ва дар соҳили Урдун сукунат доранд»+.
30 Ва Колеб қавмро пеши Мусо таскин дода, гуфт: «Ба яқин мо
баромада, онро ба тасарруфи худ хоҳем даровард, зеро ки метавонем
бар он ғолиб оем»+.
31 Вале одамоне ки бо вай рафта буданд, гуфтанд: «Ба он қавм
наметавонем муқобил бароем, зеро ки онҳо аз мо пурзӯртаранд»+.
32 Ва дар бораи замине ки онро ҷосусӣ карда буданд, дар миёни
банӣ-Исроил овозаи бад паҳн намуда, гуфтанд: «Замине ки онро бо
мақсади ҷосусӣ карданаш тай намудем, заминест, ки сокинони
худро мехӯрад, ва тамоми қавме ки андаруни он дидем, одамони
бузургҷуссанд+.
33 Ва дар он ҷо баҳодурони банӣ-Анокро дидем, ки аз насли
баҳодуронанд; ва мо ба назари худамон мисли малах намудем, ва
дар назари онҳо низ чунин будем»+.

## Беимонии Исроил.

**14** 1 •Ва тамоми ҷамоат бо овози баланд фиғон бардоштанд, ва
қавм он шаб гирья карданд.
2 Ва тамоми бани-Исроил аз Мусо ва Ҳорун шиква карданд, ва
тамоми ҷамоат ба онҳо гуфтанд: «Кошки дар замини Миср
мемурдем, ё дар ҳамин биёбон ҷон медодем!+
3 Ва чаро Худованд моро ба ин замин мебарад, то ки мо ба дами
шамшер биафтем, ва занону кӯдакони мо ба асирӣ бурда шаванд? Оё
барои мо беҳтар нест, ки ба Миср баргардем?»
4 Ва ба якдигар гуфтанд: «Сардоре бар худ таъин мекунем ва ба
Миср бармегардем»+.
5 Ва Мусо ва Ҳорун пеши тамоми ҷамъомади ҷамоати бани-
Исроил бар рӯи худ афтоданд+.
6 Ва Еҳушаъ ибни Нун ва Колеб ибни Ефунне, аз миёни онҳое ки
заминро ҷосусӣ карда буданд, либосҳои худро даррониданд,+
7 Ва ба тамоми ҷамоати бани-Исроил сухан ронда, гуфтанд:
«Замине ки мо тай намудем, то ки онро ҷосусӣ кунем, замини
ниҳоятдараҷа хуб аст.
8 Агар Худованд ба мо таваҷҷӯҳ кунад, моро ба ин замин оварда,
онро ба мо хоҳад дод, — ба замине ки шир ва асал дар он ҷорист.
9 Фақат ин ки ба зидди Худованд балво накунед, ва аз қавми он
замин натарсед, зеро ки онҳо тӯъмаи мо хоҳанд шуд: пуштибонашон
аз онҳо дур шудааст, ва Худованд бо мост, аз онҳо натарсед»+.
10 Ва тамоми ҷамоат гуфтанд: «Онҳоро сангсор бояд кард!» Вале
ҷалоли Худованд дар хаймаи ҷомеъ бар тамоми бани-Исроил зоҳир
шуд+.
11 Ва Худованд ба Мусо гуфт: «То ба кай ин қавм Маро хор
медоранд? Ва то ба кай, бо вуҷуди тамоми аломоте ки дар миёни
онҳо ба амал овардаам, ба ман имон намеоваранд?
12 Онҳоро гирифтори вабое намуда, маҳв хоҳам кард, ва аз камари
ту халқе ба вуҷуд хоҳам овард, ки аз онҳо бузургтар ва азимтар
бошанд»+.
13 Ва Мусо ба Худованд гуфт: «Он гоҳ мисриён, ки ту ин қавмро аз
миёни онҳо бо қуввати Худ берун овардаӣ, инро хоҳанд шунид,

14 Ва ба сокинони ин замин инро хабар хоҳанд дод, дар сурате ки
ин сокинон шунидаанд, ки Ту, эй Худованд, дар миёни ин қавм
ҳастӣ, ва Ту, эй Худованд, бар онҳо рӯ ба рӯ зоҳир мешавӣ, ва абри Ту
бар онҳо меистад, ва Ту пешопеши онҳо рӯзона дар сутуни абр ва
шабона дар сутуни оташ меравӣ, —+
15 Пас, агар Ту ин қавмро якбора бикушӣ, халқҳое ки овозаи Туро
шунидаанд, хоҳанд гуфт:
16 „Азбаски Худованд ин қавмро ба замине ки ба онҳо бо қасам
ваъда карда буд, натавонист биёрад, бинобар ин онҳоро дар биёбон
кушт“+.
17 Ва алҳол бигзор қуввати Худованд бузург шавад, чунон ки Ту
сухан ронда, гуфта будӣ:+
18 „Худованд собир ва пур аз эҳсон аст, гуноҳ ва маъсиятро
меомурзад, вале осиёнро беҷазо намегузорад, барои гуноҳи падарон
писаронро то насли сеюм ва чорум ҷазо медиҳад“.
19 Пас, гуноҳи ин қавмро бар тибқи кибриёи эҳсони Худ биомурз,
чунон ки ин қавмро аз Миср то ҳамин вақт омурзидаӣ».

20 •Ва Худованд гуфт: «Бар тибқи сухани ту омурзидам.

21 Валекин ба Зоти Худам қасам, ки чунон ки Ман Ҳайи Лоямут
ҳастам, ва чунон ки тамоми дуньё аз ҷалоли Худованд пур аст,+
22 Ончунон ҳамаи ин одамон, ки ҷалоли Маро, ва аломотеро, ки
Ман дар Миср ва дар биёбон ба амал овардаам, дидаанд, ва Маро даҳ
карат имтиҳон намуда, ба овози Ман гӯш надодаанд, —
23 Ба яқин онҳо заминеро, ки Ман ба падаронашон бо қасам ваъда
кардаам, нахоҳанд дид; ва ҳамаи онҳое ки Маро хор доштаанд, онро
нахоҳанд дид+.
24 Вале бандаи Ман Колеб, азбаски рӯҳи дигаре дошта, Маро
комилан пайравӣ намуд, — ӯро Ман ба замине ки рафта буд, дохил
хоҳам кард, ва насли ӯ онро мерос хоҳад гирифт+.
25 Ва азбаски амолеқиён ва канъониён дар водӣ сокинанд, фардо
тоб хӯрда, бо роҳи баҳри Қулзум сӯи биёбон кӯч кунед».
26 Ва Худованд ба Мусо ва Ҳорун сухан ронда, гуфт:
27 «То ба кай ба ин ҷамоати шарир, ки аз Ман шиква мекунанд,
тоқат оварам? Шикоятҳои банӣ-Исроилро, ки аз Ман шиква
мекунанд, шунидаам.

[28] Ба онҳо бигӯ: „Ба ҳаёти Худам қасам, ки чунон ки шумо дар
гӯши Ман сухан рондед,ончунон ба шумо амал хоҳам кард.
[29] Дар ин биёбон ҷасадҳои шумо хоҳад афтод, яъне ҳамаи дар
шумор овардашудагони шумо, бар ҳасби тамоми адади шумо, аз
бистсола ва болотар, ки аз Ман шикоят кардаед+.
[30] Шумо ба ин замине ки дар бораи он Ман дасти Худро баланд
карда қасам хӯрдаам, ки шуморо дар он сокин созам, дохил нахоҳед
шуд, ба ҷуз Колеб ибни Ефунне ва Еҳушаъ ибни Нун+.
[31] Валекин кӯдакони шумо, ки дар бораи онҳо гуфтед, ки ба асирӣ
бурда хоҳанд шуд, — Ман онҳоро дохил хоҳам кард, ва онҳо
заминеро, ки шумо аз он нафрат намудед, хоҳанд донист.
[32] Ва ҷасадҳои шумо дар биёбон хоҳад афтод.
[33] Ва писарони шумо чил сол дар биёбон овора шуда гашта, ҷазои
зинокории шуморо хоҳанд кашид, то даме ки ҷасадҳои шумо дар
биёбон несту нобуд шавад+.
[34] Бар ҳасби шумораи рӯзҳое ки шумо заминро ҷосусӣ кардаед,
яъне чил рӯз, як сол дар ивази як рӯз, ҷазои гуноҳҳои худро чил сол
хоҳед кашид, то бидонед, ки аз таваҷҷӯҳи Ман маҳрум шуданатон чӣ
маънӣ дорад“+.
[35] Ман, ки Худованд ҳастам, гуфтаам, ки ба тамоми ин ҷамоати
шарир, ки ба муқобили Ман балво бардоштаанд, чунин амал хоҳам
кард: дар ин биёбон корашон тамом шуда, дар ин ҷо хоҳанд мурд».
[36] Ва он касоне ки Мусо барои ҷосусии замин фиристода буд, ва
онҳо чун баргаштанд, овозаи бад дар бораи замин паҳн карда,
тамоми ин ҷамоатро ба муқобили ӯ ба шӯр оварданд, —
[37] Он касоне ки овозаи бад дар бораи замин паҳн карданд, ба
ҳузури Худованд аз вабо мурданд.
[38] Вале Еҳушаъ ибни Нун ва Колеб ибни Ефунне аз миёни он
касоне ки барои ҷосусии замин рафта буданд, зинда монданд+.

[39] •Ва Мусо ин суханонро ба тамоми банӣ-Исроил гуфт, ва қавм
бисьёр андӯҳгин шуданд.
[40] Ва бомдодон бармаҳал бархостанд, ва ба сари кӯҳ баромада,
гуфтанд: «Инак, мо тайёрем ба маконе ки Худованд ваъда додааст,
биравем, зеро ки гуноҳ кардаем».

41 Ва Мусо гуфт: «Чаро шумо фармони Худовандро поймол
мекунед? Ин коратон муваффақият нахоҳад ёфт.
42 Наравед, зеро ки Худованд дар миёни шумо нест, мабодо пеши
душманони худ мағлуб шавед.
43 Зеро ки амолеқиён ва канъониён он ҷо пеши шумо мебошанд, ва
шумо ба дами шамшер хоҳед афтод; ва азбаски шумо аз пайравии
Худованд дур шудаед, Худованд низ бо шумо нахоҳад буд»+.
44 Вале онҳо бо ҳавобаландӣ ба сари кӯҳ баромадан гирифтанд;
аммо сандуқи аҳди Худованд ва Мусо аз ӯрдугоҳ берун нарафтанд.
45 Ва амолеқиён ва канъониён, ки дар он кӯҳистон сокин буданд,
фурӯд омада, ба онҳо шикаст расониданд ва онҳоро то Ҳормо таъқиб
карданд+.

## Солҳои оворагардӣ; ҷазо барои поймол кардани шанбе.

15 1 Ва Худованд ба Мусо сухан ронда, гуфт:
2 «Ба банӣ-Исроил сухан ронда, ба онҳо бигӯ: вақте ки ба
замини сукунати худ, ки Ман онро ба шумо медиҳам, дохил шавед,
3 Ва қурбонии оташин барои Худованд бихоҳед тақдим намоед, чи
қурбонии сӯхтанӣ, чи забҳе барои иҷрои назр, ё барои хайрот, ё дар
идҳои худ, то ки атри гуворо барои Худованд аз говон ё аз гӯсфандон
ба амал оваред, —+
4 Он гоҳ касе ки қурбонии худро барои Худованд тақдим
менамояд, бояд барои ҳадияи ордӣ як ушри эфа орди маҳине биёрад,
ки бо чорьяк ҳин равған омехта шуда бошад.
5 Ва барои ҳадияи рехтанӣ чорьяк ҳин шароб бо қурбонии сӯхтанӣ
ё бо забҳ барои ҳар барра биёр.
6 Агар қӯчқоре қурбонӣ намоӣ, барои ҳадияи ордӣ ду ушри эфа
орди маҳине биёр, ки бо сеяк ҳин равған омехта шуда бошад.
7 Ва барои ҳадияи рехтанӣ сеяк ҳин шароб биёр, то ки атри гуворо
барои Худованд бишавад.
8 Ва агар наргови ҷавоне барои қурбонии сӯхтанӣ ё барои забҳи
иҷрои назр ё забҳи саломатӣ ба Худованд тақдим намоӣ, —+
9 Бигзор бо он наргови ҷавон ҳадияи ордӣ иборат аз се ушр орди
маҳини омехта бо ним ҳин равған оварда шавад;
10 Ва барои ҳадияи рехтанӣ ним ҳин шароб биёр, то ки атри гуворо
барои Худованд бишавад+.
11 Барои ҳар наргов, ё барои ҳар қӯчқор, ё барои ҳар барраи
гӯсфандон ё бузон бояд ҳамин тавр амал карда шавад.
12 Мувофиқи миқдоре ки тақдим менамоед, барои ҳар яке, бар
тибқи шумораи онҳо, амал кунед.
13 Ҳар тубҷоӣ, вақте ки атри гуворо барои Худованд тақдим
менамояд, бояд инро ҳамин тавр ба амал оварад.
14 Ва агар дар миёни шумо ғарибе сокин бошад, ё ҳар касе ки дар
наслҳои шумо дар миёни шумо бошад, ва бихоҳад атри гуворо барои
Худованд тақдим намояд, вай бояд ончунон амал намояд, чунон ки
шумо амал мекунед.
15 Барои шумо, эй аҳли ҷамоат, ва барои ғарибе ки назди шумо
сукунат дорад, фариза як аст, ки фаризаи абадист дар наслҳои шумо:

ғариб ба ҳузури Худованд комилан мисли шумост+.
16 Барои шумо ва барои ғарибе ки дар миёни шумо сокин аст, як
қонун ва як ҳуқуқ хоҳад буд».
17 Ва Худованд ба Мусо сухан ронда, гуфт:
18 «Ба банӣ-Исроил сухан ронда, ба онҳо бигӯ: вақте ки шумо ба
замине ки Ман шуморо ба он ҷо мебарам, дохил шавед,
19 Ва аз нони он замин бихӯред, он гоҳ ҳадия барои Худованд
тақдим кунед+.
20 Аз навбари хамири худ ҳалло* барои ҳадия тақдим кунед; чӣ
гунае ки аз хирман ҳадия тақдим мекунанд, онро он гуна тақдим
кунед.
21 Аз навбари хамири худ ҳадия барои Худованд дар наслҳои худ
тақдим кунед.
22 Ва агар саҳв намуда, тамоми ин аҳкомро, ки Худованд ба Мусо
гуфтааст, ба ҷо наоварда бошед,+
23 Яъне ҳар он чиро, ки Худованд ба шумо ба воситаи Мусо амр
фармудааст, аз рӯзе ки Худованд барои шумо ва минбаъд барои
наслҳои шумо амр фармудааст, —
24 Пас, агар ин, ба сабаби бехабарии ҷамоат, саҳван ба амал омада
бошад, он гоҳ бигзор тамоми ҷамоат як наргови ҷавонро барои
қурбонии сӯхтанӣ, ҳамчун атри гуворо барои Худованд, бо ҳадияи
ордӣ ва ҳадияи рехтании он, мувофиқи қоидаи он, тақдим кунанд, ва
як нарбузро барои қурбонии гуноҳ+.
25 Ва коҳин тамоми ҷамоати банӣ-Исроилро кафорат менамояд, ва
онҳо омурзида хоҳанд шуд, зеро ки ин саҳв буд, ва онҳо қурбонии
худро барои қурбонии оташини Худованд, ва қурбонии гуноҳи худро
барои саҳви худ ба ҳузури Худованд тақдим кардаанд.
26 Ва тамоми ҷамоати банӣ-Исроил ва ғарибоне ки дар миёни
онҳо сукунат доранд, омурзида хоҳанд шуд, зеро ки ин саҳви тамоми
қавм буд.
27 Вале агар як кас саҳван гуноҳ карда бошад, бигзор вай модабузи
яксолае барои қурбонии гуноҳ тақдим намояд+.
28 Ва коҳин он каси саҳвкардаро, ки саҳван ба ҳузури Худованд
гуноҳ кардааст, кафорат менамояд, то ки вай кафорат ёбад, ва он гоҳ
вай омурзида хоҳад шуд.

29 Барои касе ки саҳван амал мекунад, хоҳ вай тубҷоие аз банӣ-
Исроил бошад, хоҳ ғарибе ки дар миёни онҳо сукунат дорад, як қоида
хоҳад буд+.
30 Валекин касе ки дидаю дониста гуноҳе мекунад, хоҳ тубҷоӣ
бошад хоҳ ғариб, вай Худовандро куфр кардааст, пас он кас аз миёни
қавми худ маҳв хоҳад шуд,+
31 Зеро ки вай аз каломи Худованд нафрат карда, ҳукми Ӯро
поймол намудааст, — он кас албатта маҳв хоҳад шуд: гуноҳи вай бар
гардани вай аст».
32 Ва ҳангоме ки банӣ-Исроил дар биёбон буданд, касеро диданд,
ки дар рӯзи шанбе ҳезум ҷамъ мекард+.
33 Ва касоне ки Ӯро дида буданд, ки ҳезум ҷамъ мекард, Ӯро назди
Мусо ва Ҳорун ва тамоми ҷамоат оварданд.
34 Ва Ӯро дар ҳабс гузоштанд, зеро ҳанӯз муайян нашуда буд, ки бо
ӯ чӣ бояд кард+.
35 Ва Худованд ба Мусо гуфт: «Ин кас бояд ҳатман кушта шавад;
бигзор тамоми ҷамоат Ӯро берун аз ӯрдугоҳ сангсор кунанд»+.
36 Ва тамоми ҷамоат Ӯро аз ӯрдугоҳ берун оварданд, ва Ӯро сангсор
карданд, ва ӯ мурд, чунон ки Худованд ба Мусо амр фармуда буд.
37 Ва Худованд ба Мусо сухан ронда, гуфт:
38 «Ба банӣ-Исроил сухан ронда, ба онҳо бигӯ, ки барои худ бар
гӯшаҳои либоси худ дар наслҳои худ сисит* бисозанд, ва дар сисити
ҳар гӯша риштаи лоҷуварде дохил кунанд,+
39 Ва он дар сисити шумо хоҳад буд, то ки бар он нигариста,
тамоми аҳкоми Худовандро ба ёд оваред, ва онҳоро иҷро кунед, ва аз
паи дили худ ва чашмони худ, ки шуморо ба зино моил мекунанд,
наравед,
40 То ки тамоми аҳкоми Маро дар хотир нигоҳ дошта, ба ҷо оваред,
ва барои Худои худ муқаддас бошед+.
41 Ман Худованд Худои шумо ҳастам, ки шуморо аз замини Миср
берун овардаам, то ки Худои шумо бошам. Ман Худованд Худои
шумо ҳастам»+.

## Балвои Қӯраҳ.

16 1 •Ва Қӯраҳ ибни Йисҳор ибни Қаҳот ибни Левӣ, ва Дотон ва
Абиром бани-Элиоб, ва Ӯн ибни Фолат, бани-Реубен
бархостанд,+
2 Ва назди Мусо ҳозир шуданд, ва бо онҳо дусаду панҷоҳ нафар аз
банӣ-Исроил: сардорони ҷамоат, даъватшавандагони маҷлисҳо,
шахсони номдор буданд.
3 Ва ба муқобили Мусо ва Ҳорун ҷамъ омада, ба онҳо гуфтанд:
«Бас кунед! Зеро ки тамоми ҷамоат саросар муқаддасанд, ва
Худованд дар миёни онҳост. Пас, чаро шумо худро аз ҷамоати
Худованд баланд мегузоред?»+
4 Ва Мусо инро шунида, бар рӯи худ афтод,+
5 Ва ба Қӯраҳ ва ҳамаи шариконаш сухан ронда, гуфт: «Бомдодон
Худованд нишон хоҳад дод, ки кадом кас аз они Ӯст, ва кадом кас
муқаддас аст, ва он касро Ӯ ба Худаш наздик хоҳад кард; ва ҳар киро
Ӯ интихоб намояд, варо ба Худаш наздик хоҳад кард+.
6 Шумо, эй Қӯраҳ ва ҳамаи шариконат, чунин бикунед: маҷмарҳо
барои худ бигиред,
7 Ва оташ дар онҳо бимонед, ва фардо ба ҳузури Худованд бар
онҳо бухур бирезед; ва он кас, ки Худованд варо интихоб намояд,
муқаддас хоҳад буд. Бас кунед, эй банӣ-Левӣ!»+
8 Ва Мусо ба Қӯраҳ гуфт: «Бишнавед, эй банӣ-Левӣ!
9 Оё барои шумо кам аст, ки Худои Исроил шуморо аз ҷамоати
Исроил ҷудо кардааст, ва шуморо ба Худаш наздик овардааст, то ки
хизмати маскани Худовандро ба ҷо оваред, ва ба ҳузури ҷамоат
истода, ба онҳо хизмат кунед,+
10 Ва туро ва ҳамаи бародаронат, банӣ-Левиро бо ту наздик
овардааст, ва шумо каҳонатро низ мехоҳед ба даст оваред?
11 Бинобар ин ту ва ҳамаи шариконат ба муқобили Худованд ҷамъ
шудаед. Ва Ҳорун чӣ гуноҳ дорад, ки аз вай шиква мекунед?»+
12 Ва Мусо фиристод, то ки Дотон ва Абиром, писарони Элиобро
бихонанд; вале онҳо гуфтанд: «Намеравем!
13 Оё кам аст, ки ту моро аз замине ки шир ва асал дар он ҷорист,
берун овардӣ, то ки моро дар биёбон ба ҳалокат бирасонӣ, боз

мехоҳӣ, ки бар мо ҳукмронӣ намоӣ+?
[14] Ту моро ба замине ки шир ва асал дар он ҷорӣ бошад, наовардӣ,
ва моликияте иборат аз киштзор ва токзор ба мо надодӣ. Оё чашмони
ин одамонро мехоҳӣ биканӣ? Намеравем!»
[15] Ва Мусо бисьёр андӯҳгин шуда, ба Худованд гуфт: «Ба ҳадияи
онҳо таваҷҷӯҳ нанамо! Ман аз ҳеҷ кадомашон як хар ҳам
нагирифтаам, ва ба ҳеҷ кадомашон бадӣ накардаам»+.
[16] Ва Мусо ба Қӯраҳ гуфт: «Ту ва ҳамаи шариконат фардо пеши
Худованд ҳозир шавед, ту ва онҳо ва Ҳорун.
[17] Ва ҳар яке маҷмари худро гирифта, бухур бар онҳо бимонед, ва
ҳар яке маҷмари худро ба ҳузури Худованд наздик оваред: дусаду
панҷоҳ маҷмар, ва ту ва Ҳорун — ҳар яке маҷмари худро».
[18] Ва ҳар яке маҷмари худро гирифта, оташ бар онҳо гузоштанд, ва
бухур бар онҳо рехтанд, ва назди дари хаймаи ҷомеъ истоданд. Мусо
ва Ҳорун низ бо онҳо буданд.
[19] Ва Қӯраҳ тамоми ҷамоатро ба муқобили онҳо назди дари
хаймаи ҷомеъ ҷамъ кард. Ва ҷалоли Худованд ба тамоми ҷамоат
зоҳир шуд.
[20] Ва Худованд ба Мусо ва Ҳорун сухан ронда, ба онҳо гуфт:
[21] «Худро аз миёни ин ҷамоат дур кунед, то ки Ман онҳоро дар як
лаҳза нест кунам»+.
[22] Ва онҳо бар рӯи худ афтода, гуфтанд: «Эй Худо, ки Худои орифи
рӯҳҳои тамоми башар ҳастӣ! Як кас гуноҳ кардааст, ва ту бар тамоми
ҷамоат дарғазаб мешавӣ?»+
[23] Ва Худованд ба Мусо сухан ронда, гуфт:
[24] «Ба ҷамоат сухан ронда, бигӯ: аз гирду пеши маскани Қӯраҳ,
Дотон ва Абиром дур шавед!»
[25] Ва Мусо бархоста, назди Дотон ва Абиром рафт, ва пирони
Исроил аз ақиби ӯ рафтанд.
[26] Ва ӯ ба ҷамоат сухан ронда, гуфт: «Аз пеши хаймаҳои ин
одамони шарир дур шавед, ва ба ягон чизе ки аз они онҳост, даст
нарасонед, мабодо ба сабаби бисьёрии гуноҳҳои онҳо ба ҳалокат
бирасед»+.
[27] Ва онҳо аз гирду пеши маскани Қӯраҳ, Дотон ва Абиром дур
шуданд; вале Дотон ва Абиром берун омада, бо занон ва писарон ва
кӯдакони худ назди дари хаймаҳошон истоданд.

28 Ва Мусо гуфт: «Аз ин хоҳед донист, ки Худованд маро
фиристодааст, то ки ҳамаи ин корҳоро бикунам, на ин ки ба дилхоҳи
худ карда бошам.
29 Агар ин касон мисли мурдани ҳар одам бимиранд, ва қисмати
ҳар одам насибашон бишавад, — пас маро Худованд
нафиристодааст+.
30 Ва лекин агар Худованд ҳодисаи тозае ба вуҷуд оварад, ва замин
даҳони худро кушода, онҳоро бо ҳар чизе ки аз они онҳост, фурӯ
барад, ва онҳо зинда ба зинда ба таҳтуттуроб фурӯд оянд, — он гоҳ
бидонед, ки ин одамон аз Худованд нафрат кардаанд»+.
31 Ва ҳамин ки ӯ гуфтани ҳамаи ин суханонро ба анҷом расонид,
замине ки зери онҳо буд, кафид,
32 Ва замин даҳони худро кушода, онҳоро, ва хонаҳои онҳоро, ва
ҳамаи одамонеро, ки ба Қӯраҳ нисбат доштанд, ва тамоми молу
мулки онҳоро фурӯ бурд.
33 Ва онҳо бо ҳар чизе ки ба онҳо тааллуқ дошт, зинда ба зинда ба
таҳтуттуроб фурӯд омаданд; ва замин бар онҳо пӯшида шуд, ва онҳо
аз миёни ҷамоат маҳв гардиданд+.
34 Ва ҳамаи исроилиёне ки дар гирду пеши онҳо буданд, аз фиғони
онҳо гурехтанд, зеро ки гуфтанд: «Мабодо замин моро низ фурӯ
барад».
35 Ва оташе аз ҷониби Худованд берун омада, он дусаду панҷоҳ
нафарро, ки бухур оварда буданд, сӯзонид+.
36 Ва Худованд ба Мусо сухан ронда, гуфт:
37 «Ба Элъозор ибни Ҳоруни коҳин бигӯ, ки он маҷмарҳоро аз
миёни сӯхтагон бардорад, ва оташро ба як тараф партояд, зеро ки
онҳо тақдис ёфтааст, —
38 Яъне маҷмарҳои онҳоеро, ки ба зарари ҷони худ гуноҳкор
шудаанд, — ва бигзор аз онҳо тахтаҳои пахн барои пӯшонидани рӯи
қурбонгоҳ бисозанд, зеро ки онҳоро ба ҳузури Худованд оварда
буданд, ва онҳо тақдис ёфтааст; ва онҳо аломате барои банӣ-Исроил
хоҳад буд».
39 Ва Элъозори коҳин маҷмарҳои мисро, ки сӯхтагон оварда
буданд, гирифт, ва аз онҳо тахтаҳои пахн барои пӯшонидани
қурбонгоҳ сохтанд, —

40 Ҳамчун ёдгорӣ барои банӣ-Исроил, — то ки ҳеҷ каси бегонае ки
аз насли Ҳорун набошад, барои сӯзонидани бухур ба ҳузури
Худованд наздик наояд, ва қисматаш мисли Қӯраҳ ва шарикони вай
нашавад, чунон ки Худованд ба ӯ ба воситаи Мусо гуфтааст+.
41 Ва фардояш тамоми ҷамоати банӣ-Исроил аз Мусо ва Ҳорун
шиква карда, гуфтанд: «Шумо қавми Худовандро куштед!»
42 Ва ҳангоме ки ҷамоат ба муқобили Мусо ва Ҳорун ҷамъ шуданд,
онҳо сӯи хаймаи ҷомеъ нигаристанд, ва инак, онро абр пӯшонид, ва
ҷалоли Худованд зоҳир шуд.
43 Ва Мусо ва Ҳорун назди хаймаи ҷомеъ омаданд.
44 Ва Худованд ба Мусо сухан ронда, гуфт:
45 «Аз миёни ин ҷамоат дур шавед, то ки онҳоро дар як лаҳза нест
кунам». Ва онҳо бар рӯи худ афтоданд+.
46 Ва Мусо ба Ҳорун гуфт: «Маҷмарро гирифта, оташе аз болои
қурбонгоҳ бар он бимон, ва бухур бирез, ва зуд назди ҷамоат рафта,
онҳоро кафорат намо, зеро ки ғазаб аз ҷониби Худованд баромада,
вабо оғоз ёфтааст»+.
47 Ва Ҳорун аз рӯи гуфтаи Мусо онро гирифта, ба миёни ҷамоат
давид, ва инак, вабо андаруни қавм оғоз ёфта буд; ва ӯ бухур рехта,
қавмро кафорат намуд.
48 Ва дар байни мурдагон ва зиндагон истод, ва вабо хотима ёфт+.
49 Ва касоне ки аз вабо мурданд, чордаҳ ҳазору ҳафтсад нафар
буданд, ба ҷуз онҳое ки аз боиси Қӯраҳ нобуд шуданд.
50 Ва Ҳорун назди Мусо, ба дари хаймаи ҷомеъ баргашт, ва вабо
хотима ёфт.

## Асои Ҳорун гул кард.

17 [1] Ва Худованд ба Мусо сухан ронда, гуфт:
[2] «Ба банӣ-Исроил сухан бирон, ва аз онҳо асоҳо бигир, як
асо аз ҳар хонадон, аз ҳамаи раисони онҳо бар ҳасби хонадонҳошон
дувоздаҳ асо; ва номи ҳар касро бар асои вай бинавис.
[3] Ва номи Ҳорунро бар асои Левӣ бинавис, зеро ки як асо барои
раиси хонадони онҳо хоҳад буд.
[4] Ва онҳоро дар хаймаи ҷомеъ пеши сандуқи шаҳодат, ки он ҷо
Ман ба шумо зоҳир мешавам, бимон+.
[5] Ва чунин воқеъ хоҳад шуд, ки ҳар киро Ман интихоб намоям,
асои вай гул хоҳад кард; бо ин Ман шикваҳои банӣ-Исроилро, ки аз
шумо мекунанд, аз ҷониби Худ сокит хоҳам намуд».
[6] Ва Мусо ба банӣ-Исроил сухан ронд, ва ҳамаи раисони онҳо ба ӯ
асоҳо доданд, як асо барои ҳар раис, дувоздаҳ асо бар ҳасби
хонадонҳошон; ва асои Ҳорун дар миёни асоҳои онҳо буд.
[7] Ва Мусо асоҳоро ба ҳузури Худованд дар хаймаи шаҳодат гузошт.
[8] Ва фардояш чунин воқеъ шуд, ки Мусо ба хаймаи шаҳодат
даромад, ва инак, асои Ҳорун, аз хонадони Левӣ, гул карда ва ғунча
баста, бодом оварда буд+.
[9] Ва Мусо ҳамаи асоҳоро аз пеши Худованд назди банӣ-Исроил
берун овард; ва онҳо инро диданд ва ҳар яке асои худро гирифтанд.
[10] Ва Худованд ба Мусо гуфт: «Асои Ҳорунро пеши сандуқи
шаҳодат аз нав бимон, то ки ҳамчун аломат барои абнои исьён нигоҳ
дошта шавад, ва шиквае ки онҳо аз Ман мекунанд, хотима ёбад, ва
онҳо намиранд».
[11] Ва Мусо чунин кард; чунон ки Худованд ба ӯ амр фармуда буд,
despite
ончунон кард.
[12] Ва банӣ-Исроил ба Мусо сухан ронда, гуфтанд: «Инак, мо
мемирем, ба ҳалокат мерасем, ҳамаамон ба ҳалокат мерасем!
[13] Ҳар кӣ ба маскани Худованд наздик ояд, мемирад; оё ҳамаамон
ба мурдан маҳкум шудаем?»

## Имтиёзот ва вочиботи Ҳорун ва левизодагон.

18 [1] Ва Худованд ба Ҳорун гуфт: «Ту, ва писаронат ва хонадони
падарат бо ту, барои ҳар гуноҳи оид ба қудс масъул хоҳед буд;
ва ту, ва писаронат бо ту, барои ҳар гуноҳи оид ба каҳонати шумо
масъул хоҳед буд+.
[2] Ва бародарони худро низ, яъне сибти Левиро, ки сибти падари
туст, ба худ наздик бикун, то ки бо ту ҳамроҳӣ намоянд ва
хизматгузорони ту бошанд; валекин ту, ва писаронат бо ту, пеши
хаймаи шаҳодат хоҳед буд+.
[3] Бигзор онҳо хизмати ту ва хизмати тамоми хаймаро ба ҷо
оваранд, аммо ба колои муқаддас ва ба қурбонгоҳ наздик нашаванд,
то ки на шумо бимиред, на онҳо.
[4] Ва бигзор онҳо бо ту ҳамроҳӣ намуда, хизматгузории хаймаи
ҷомеъ ва ҳар кори хаймаро ба ҷо оваранд; ва каси бегонае набояд ба
шумо наздик ояд.
[5] Ва шумо хизмати қудс ва хизмати қурбонгоҳро ҳамин тавр ба ҷо
оваред, то ки ғазаб бар банӣ-Исроил дигар рӯй надиҳад+.
[6] Валекин Ман, инак бародарони шумо левизодагонро аз миёни
банӣ-Исроил гирифтаам, ки онҳо ба шумо барои Худованд инъом
карда шудаанд, то ки корҳои хаймаи ҷомеъро иҷро кунанд.
[7] Вале ту, ва писаронат бо ту, каҳонати худро аз ҷиҳати ҳар кори
қурбонгоҳ ва он чи андарун, дар пушти парда аст, риоя намуда,
хизмат кунед; кори каҳонатро Ман ба шумо инъом мекунам, ва ҳар
бегонае ки наздик ояд, кушта хоҳад шуд»+.
[8] Ва Худованд ба Ҳорун гуфт: «Инак, Ман бақияи ҳадияҳои Худро
аз ҳамаи қурбониҳои муқаддаси банӣ-Исроил ба ту бахшидам,
онҳоро ба ту ва писаронат ба фаризаи доимӣ насиб кардам+.
[9] Аз вақфҳои муқаддасе ки аз оташ боқӣ мемонад, инҳо аз они ту
хоҳад буд: ҳар қурбонии онҳо, яъне ҳар ҳадияи ордии онҳо ва ҳар
қурбонии гуноҳи онҳо ва ҳар қурбонии ҷурми онҳо, ки ба Ман
тақдим мекунанд; инҳо барои ту ва писаронат чизи муқаддастарин
аст.
[10] Онро дар макони муқаддас бихӯред; ҳар мардина метавонад аз
он бихӯрад. Он барои ту муқаддас аст.

[11] Ва ин ҳам барои ту ҳиссаи бахшиши онҳо аз ҳамаи инъомҳои
ҷунбонидании банӣ-Исроил хоҳад буд: онро Ман ба ту, ва ба
писаронат ва духтаронат бо ту, ба фаризаи доимӣ бахшидам; ҳар
касе ки дар хонаи ту пок бошад, метавонад аз он бихӯрад+.
[12] Тамоми гузини равғанро, ва тамоми гузини шароб ва ғалларо,
яъне навбарҳои онҳоро, ки ба Худованд тақдим менамоянд, ба ту
бахшидам+.
[13] Ҳамаи меваҳои аввалини замини онҳо, ки ба Худованд
меоваранд, бигзор аз они ту бошад; ҳар касе ки дар хонаи ту пок
бошад, метавонад аз онҳо бихӯрад+.
[14] Ҳар он чи дар Исроил вақф карда мешавад, бигзор аз они ту
бошад+.
[15] Ҳар раҳимкушои ҳар башар, ки аз одамон ва аз чорпоён ба
Худованд тақдим менамоянд, бигзор аз они ту бошад; аммо барои
нахустзодаи одамон албатта фидия бигир, ва барои нахустзодаи
чорпоёни наҷис фидия бигир+.
[16] Ва онҳое ки барояшон фидия дода мешавад, бояд якмоҳа
бошанд, ва барояшон мувофиқи қиматдиҳии худат панҷ сиқл нуқра
бо сиқли муқаддас, ки аз бист ҷеро иборат аст, фидия бигир+.
[17] Аммо барои нахустзодаи говон ё нахустзодаи гӯсфандон ё
нахустзодаи бузон фидия нагир: онҳо муқаддас аст; хуни онҳоро бар
қурбонгоҳ бипош, ва чарбуи онҳоро ҳамчун қурбонии оташин
бисӯзон, то ки атри гуворо барои Худованд бошад+.
[18] Ва гӯшти онҳо аз они ту хоҳад буд; мисли синаи ҷунбониданӣ ва
мисли соқи рост аз они ту хоҳад буд+.
[19] Ҳамаи ҳадияҳоро аз қурбониҳое ки банӣ-Исроил ба Худованд
тақдим менамоянд, ба ту, ва ба писарону духтаронат бо ту, ба
фаризаи доимӣ медиҳам; ин ба ҳузури Худованд барои ту, ва барои
насли ту бо ту, аҳди намак то абад хоҳад буд»+.
[20] Ва Худованд ба Ҳорун гуфт: «Ту дар замини онҳо мулке нахоҳӣ
дошт, ва ҳиссае барои ту дар миёни онҳо нахоҳад буд; Ман ҳиссаи ту
ва мулки ту дар миёни банӣ-Исроил ҳастам+.
[21] Вале ба банӣ-Левӣ, инак, Ман тамоми ушри банӣ-Исроилро
барои моликият додам, дар ивази хизмате ки онҳо ба ҷо меоваранд,
яъне хизмати хаймаи ҷомеъ+.

22 Ва банӣ-Исроил дигар ба хаймаи ҷомеъ наздик нахоҳанд шуд, то
ки гуноҳкор нашаванд ва намиранд.
23 Ва левизодагон бигзор хизмати хаймаи ҷомеъро ба ҷо оваранд,
вале онҳо барои гуноҳашон ҷазо хоҳанд ёфт; ин барои наслҳои шумо
фаризаи доимӣ хоҳад буд, ва дар миёни банӣ-Исроил онҳо мулке
нахоҳанд дошт,
24 Зеро ки ушри банӣ-Исроилро, ки барои Худованд ҳадия
мекунанд, Ман ба левизодагон ҳамчун мулк медиҳам; бинобар ин
Ман ба онҳо гуфтам, ки дар миёни банӣ-Исроил мулке нахоҳанд
дошт».
25 Ва Худованд ба Мусо сухан ронда, гуфт:
26 «Ба левизодагон сухан ронда, ба онҳо бигӯ: вақте ки ушреро, ки
аз банӣ-Исроил ба шумо ҳамчун моликият додаам, аз онҳо мегиред,
шумо ҳадияи Худовандро аз он, яъне ушре аз ушр тақдим намоед+.
27 Ва ҳадияи шумо барои шумо мисли гандуми хирман ва мисли
маҳсули фаровони чархушт ба шумор хоҳад рафт.
28 Ҳамин тавр шумо низ аз ҳамаи ушрҳое ки аз банӣ-Исроил
мегиред, ҳадияи Худовандро тақдим хоҳед кард, ва ҳадияи
Худовандро аз он ба Ҳоруни коҳин хоҳед дод.
29 Аз ҳамаи инъомҳое ки мегиред, ҳар ҳадияи Худовандро аз
тамоми чарбуи онҳо, аз қисми тақдисьёфтаи онҳо тақдим намоед.
30 Ва ба онҳо бигӯ: вақте ки шумо чарбуи онҳоро аз онҳо тақдим
менамоед, ин барои левизодагон мисли гандуми хирман ва мисли
маҳсули чархушт ба шумор хоҳад рафт.
31 Ва онро шумо ва аҳли байти шумо метавонед дар ҳар ҷо
бихӯред, зеро ки ин музди шумост дар ивази хизмате ки дар хаймаи
ҷомеъ ба ҷо меоваред.
32 Ва агар чарбуи онҳоро аз онҳо ҷудо карда тақдим намуда бошед,
шумо ба сабаби онҳо гуноҳкор нахоҳед буд; ва он чиро, ки банӣ-
Исроил тақдис менамоянд, палид нагардонед, то ки намиред».

## Фармон дар бораи модагови сурх.

# 19

[1] Ва Худованд ба Мусо ва Ҳорун сухан ронда, гуфт:
[2] «Ин аст фаризаи шариат, ки Худованд амр фармуда,
мегӯяд: ба банӣ-Исроил бигӯ, ки модагови сурхи комиле ки айбе
надошта бошад, ва юғ бар гарданаш гузошта нашуда бошад, назди ту
биёранд+.
[3] Ва онро ба Элъозори коҳин бидиҳед, ва ӯ онро аз ӯрдугоҳ берун
меоварад, ва онро ба ҳузури ӯ мекушанд.
[4] Ва бигзор Элъозори коҳин бо ангушти худ аз хуни он гирифта, ба
тарафи пеши хаймаи ҷомеъ ҳафт карат он хунро бипошад+.
[5] Ва модаговро пеши назари ӯ месӯзонанд: бигзор пӯсти он ва
гӯшти он ва хуни он бо якҷоягии саргини он сӯзонида шавад+.
[6] Ва бигзор коҳин чӯби арз ва зуфо ва риштаи қирмиз гирифта,
бар оташи модагов партояд;+
[7] Ва коҳин либосашро бишӯяд ва баданашро дар об ғусл диҳад, ва
баъд аз он ба ӯрдугоҳ биёяд, ва коҳин то шом наҷис хоҳад буд+.
[8] Ва касе ки онро сӯзонидааст, бигзор либосашро бо об бишӯяд, ва
баданашро дар об ғусл диҳад, ва то шом наҷис хоҳад буд.
[9] Ва бигзор шахси поке хокистари модаговро ҷамъ карда, берун аз
ӯрдугоҳ дар макони поке бимонад, ва он аз баҳри ҷамоати банӣ-
Исроил барои оби поккунанда нигоҳ дошта хоҳад шуд: ин пок кардан
аст аз гуноҳ+.
[10] Ва касе ки хокистари модаговро ҷамъ кардааст, бигзор
либосашро бишӯяд, ва то шом наҷис хоҳад буд. Ва бигзор ин барои
банӣ-Исроил ва барои ғарибе ки дар миёни онхо сукунат дорад,
фаризаи доимӣ бошад+.
[11] Касе ки ба ҷасади мурдаи ҳар одаме мерасад, ҳафт рӯз наҷис
хоҳад буд.
[12] Вай бояд худро дар рӯзи сеюм ва дар рӯзи ҳафтум бо он пок
гардонад, ва он гоҳ пок хоҳад буд; вале агар худро дар рӯзи сеюм ва
дар рӯзи ҳафтум пок нагардонад, пок нахоҳад буд+.
[13] Ҳар касе ки ба мурдае, ба ҷасади одаме ки мурдааст, расида,
худро пок нагардонида бошад, масканн Худовандро палид месозад,
ва он кас аз миёни Исроил маҳв хоҳад шуд; зеро ки оби поккунанда

бар вай пошида нашудааст, аз ин рӯ вай нопок аст, яъне нопокии вай ҳанӯз бар вай боқист+.

[14] Ин аст шариат: агар касе дар хайма бимирад, ҳар кӣ ба он хайма дарояд, ва ҳар чи дар он хайма бошад, ҳафт рӯз наҷис хоҳад буд.

[15] Ва ҳар зарфи кушода, ки сарпӯшаш бар он маҳкам карда нашуда бошад, наҷис хоҳад буд+.

[16] Ва ҳар кӣ дар саҳро ба ҷасади каси бо шамшер кушташуда, ё бо аҷали худ мурда, ё ба устухони одамизод, ба қабри вай мерасад, ҳафт рӯз наҷис хоҳад буд.

[17] Ва бигзор барои шахси наҷис аз хокистари он қурбонии аз баҳри гуноҳ сӯзонидашуда бигиранд, ва оби равон бар он дар зарфе бирезанд;

[18] Ва шахси поке зуфо гирифта, дар он об биғӯтонад, ва бар хайма ва бар тамоми коло ва бар касоне ки дар он буданд, ва бар шахсе ки ба устухон, ё ба мақтул, ё ба ҷасади мурда, ё ба қабр расидааст, бипошад;+

[19] Ва шахси пок бар шахси наҷис дар рӯзи сеюм ва дар рӯзи ҳафтум бипошад, ва дар рӯзи ҳафтум ӯро пок гардонад, ва он гоҳ ӯ либосашро мешӯяд, ва дар об ғусл мекунад, ва шомгоҳ пок хоҳад буд+.

[20] Вале агар касе наҷис шуда, худро пок нагардонад, он кас аз миёни ҷамоат маҳв хоҳад шуд, зеро ки вай қудси Худовандро палид кардааст: оби поккунанда бар вай пошида нашудааст, вай наҷис аст+.

[21] Ва бигзор ин барои онҳо фаризаи доимӣ бошад; ва касе ки оби поккунанда пошидааст, бигзор либосашро бишӯяд; ва касе ки ба оби поккунанда расидааст, то шом наҷис хоҳад буд.

[22] Ва ҳар чизе ки шахси наҷис ба он расида бошад, наҷис хоҳад буд, ва касе ки ба он бирасад, то шом наҷис хоҳад буд»+.

## Вафоти Марьям.

20 [1] Ва тамоми ҷамоати банӣ-Исроил дар моҳи якум ба биёбони
Син расиданд, ва қавм дар Қодеш ӯрду заданд; ва Марьям дар он
ҷо вафот ёфт, ва дар он ҷо дафн карда шуд+.

## Дар биёбон об набуд.

[2] Ва барои ҷамоат об набуд, ва онҳо ба муқобили Мусо ва Ҳорун
ҷамъ шуданд+.
[3] Ва қавм бо Мусо низоъ карда, гуфтанд: «Кошки мо ҳам
мемурдем, вақте ки бародарони мо ба ҳузури Худованд мурданд!+
[4] Ва чаро ҷамоати Худовандро ба ин биёбон овардед, то ки мо ва
чорпоёни мо дар ин ҷо бимирем?
[5] Ва чаро моро аз Миср берун овардед, то ки моро ба ин ҷои нобоб
биёред, ки ҷои зироат ва анҷир ва ангур ва анор нест, ва об ҳам барои
нӯшидан нест?»
[6] Ва Мусо ва Ҳорун аз пеши ҷамоат назди даромадгоҳи хаймаи
ҷомеъ омада, бар рӯи худ афтоданд; ва ҷалоли Худованд ба онҳо
зоҳир шуд+.

## Мусо аз сахра об мебарорад. Гуноҳи ӯ.

[7] Ва Худованд ба Мусо сухан ронда, гуфт:
[8] «Асоро бигир, ва ту ва бародарат Ҳорун ҷамоатро ҷамъ карда,
пеши назари онҳо ба сахра бигӯед, ки оби худро бидиҳад: ва ту барои
онҳо аз сахра об бароварда, ҷамоат ва чорпоёни онҳоро хоҳӣ
нӯшонид».
[9] Ва Мусо асоро аз пеши Худованд гирифт, чунон ки ба ӯ амр
фармуда буд.
[10] Ва Мусо ва Ҳорун ҷамоатро назди сахра ҷамъ карданд, ва ӯ ба
онҳо гуфт: «Бишнавед, эй саркашон! Оё аз ин сахра об барои шумо
берун оварем?»+
[11] Ва Мусо дасти худро бардошта, сахраро бо асои худ ду карат зад,
ва оби бисьёре берун омад; ва ҷамоат ва чорпоёни онҳо нӯшиданд.
[12] Ва Худованд ба Мусо ва Ҳорун гуфт: «Азбаски шумо ба Ман имон
наовардед, то ки қудсияти Маро пеши назари банӣ-Исроил нишон

диҳед, бинобар ин, ин ҷамоатро ба замине ки ба онҳо ваъда кардаам, нахоҳед овард»+.

13 Ин аст оби Мерибо*, ҷое ки банӣ-Исроил бо Худованд низоъ карданд, ва Ӯ қудсияти Худро дар миёни онҳо зоҳир сохт.

## Гуноҳи ислоҳнопазири Адӯм.

14 Ва Мусо қосидонро аз Қодеш назди подшоҳи Адӯм фиристод, то
ки бигӯянд: «Бародари ту Исроил чунин мегӯяд: тамоми
машаққатеро, ки бар сари мо омадааст, ту медонӣ+.
15 Падарони мо ба Миср фурӯд омаданд, ва мо айёми зиёде дар
Миср сокин будем, ва мисриён бо мо ва бо падарони мо рафтори бад
карданд+.
16 Ва мо сӯи Худованд фиғон кашидем, ва Ӯ овози моро шунид, ва
элчие фиристода, моро аз Миср берун овард, ва инак, мо дар Қодеш
мебошем, ки шаҳрест дар канори ҳудуди ту+.
17 Лутфан, мо аз замини ту убур кунем, аз киштзор ва токзор
нахоҳем гузашт, ва об аз чоҳҳо нахоҳем нӯшид; аз шоҳроҳ хоҳем
рафт, ба тарафи рост ё чап тоб нахоҳем хӯрд, то даме ки аз ҳудуди ту
убур кунем»+.
18 Вале Адӯм ба ӯ гуфт: «Аз замини ман убур нахоҳӣ кард, вагар на
ба пешвози ту бо шамшер берун хоҳам омад».
19 Ва банӣ-Исроил ба вай гуфтанд: «Мо аз роҳҳои ом равона хоҳем
шуд, ва агар ман ва рамаи ман аз оби ту бинӯшем, қимати онро
хоҳем дод; ҳеҷ зиёне ба ту нахоҳад расид, фақат бо пойҳоям убур
хоҳам кард»+.
20 Вале вай гуфт: «Убур нахоҳӣ кард!» Ва Адӯм бо қавми зиёде ва
бо дасти қавӣ ба пешвози ӯ берун омад.
21 Ва Адӯм розӣ нашуд, ки аз ҳудуди худ барои убур кардани
Исроил роҳ диҳад; ва исроилиён аз пеши ӯ ба тарафи дигар рӯ
оварданд+.
22 Ва онҳо аз Қодеш кӯч карданд, ва банӣ-Исроил, тамоми
ҷамоаташон, ба кӯҳи Ҳӯр расиданд+.

## Фавти Ҳорун.

23 Ва Худованд ба Мусо ва Ҳорун дар кӯҳи Ҳӯр, назди сарҳади замини Адӯм, сухан ронда, гуфт:

24 «Ҳорун ба қавми худ хоҳад пайваст, зеро ки ӯ ба замине ки Ман
ба банӣ-Исроил ваъда кардаам, дохил нахоҳад шуд, ба сабаби он ки
шумо назди оби Мерибо аз амри Ман саркашӣ кардед+.
25 Пас, Ҳорунро бо писараш Элъозор бигир, ва онҳоро ба кӯҳи Ҳӯр
барор.
26 Ва либоси Ҳорунро бикаш, ва онро ба писараш Элъозор
бипӯшон; ва Ҳорун дар он ҷо вафот карда, ба қавми худ хоҳад
пайваст»+.
27 Ва Мусо ончунон ки Худованд амр фармуда буд, амал кард, ва
онҳо пеши назари тамоми ҷамоат ба кӯҳи Ҳӯр баромаданд.
28 Ва Мусо либоси Ҳорунро кашид, ва онро ба писараш Элъозор
пӯшонид, ва Ҳорун дар он ҷо, бар сари кӯҳ вафот ёфт; ва Мусо ва
Элъозор аз кӯҳ фурӯд омаданд+.
29 Ва чун тамоми ҷамоат диданд, ки Ҳорун мурдааст, тамоми
хонадони Исроил сӣ рӯз мотам гирифтанд+.

## Мори мисин. Ғалаба бар Сиҳӯн.

21 [1] Ва Канъонӣ, подшоҳи Арод, ки дар ҷануб сокин буд, шунид,
ки Исроил бо роҳи Аторим меояд, ва ӯ бо исроилиён ҷанг кард,
ва баъзеро аз онҳо ба асирӣ бурд+.
[2] Ва Исроил барои Худованд назр карда, гуфт: «Агар ин қавмро ба
дасти ман бисупорӣ, шаҳрҳои онҳоро тамоман торумор хоҳам
кард»+.
[3] Ва Худованд овози Исроилро иҷобат намуда, канъониёнро ба
дасти вай супурд, ва вай онҳо ва шаҳрҳои онҳоро тамоман торумор
кард, ва он макон Ҳормо* номида шуд.
[4] Ва аз кӯҳи Ҳӯр бо роҳи баҳри Қулзум кӯч карданд, то ки замини
Адӯмро давр зананд; ва дар роҳ тоқати қавм тоқ шуд+.
[5] Ва қавм аз Худо ва аз Мусо шикоят карда, гуфтанд: «Чаро моро аз
Миср баровардед, то ки дар биёбон бимирем? Зеро ки на нон ҳаст ва
на об, ва дили мо аз ин хӯроки нобоб нафрат дорад»+.
[6] Ва Худованд морҳои заҳрдорро ба зидди қавм фиристод, ва онҳо
қавмро заҳр заданд; ва мардуми зиёде аз исроилиён мурданд.
[7] Ва қавм назди Мусо омада, гуфтанд: «Мо гуноҳ кардем, ки аз
Худованд ва аз ту шикоят намудем; сӯи Худованд дуо гӯй, то ки
моронро аз мо дур кунад». Ва Мусо барои қавм дуо гуфт.
[8] Ва Худованд ба Мусо гуфт: «Барои худ мори заҳрдоре бисоз, ва
онро бар сари ходае бимон; ва ҳар моргазида, агар ба он назар кунад,
зинда хоҳад монд».
[9] Ва Мусо мори мисине сохта, бар сари ходае монд; ва ҳар гоҳ
касеро мор заҳр мезад, ҳамин ки вай ба мори мисин назар мекард,
зинда мемонд+.
[10] Ва банӣ-Исроил кӯч карда, дар Ӯбӯт ӯрду заданд+.
[11] Ва аз Ӯбӯт кӯч карда, дар Ийе-Аборим, дар биёбоне ки рӯ ба рӯи
Мӯоб, ба тарафи тулӯи офтоб аст, ӯрду заданд+.
[12] Ва аз он ҷо кӯч карда, дар водии Зорад ӯрду заданд+.
[13] Аз он ҷо кӯч карда, ба он тарафи Арнӯн, ки дар биёбон берун аз
ҳудуди амӯриён мебошад, ӯрду заданд; зеро ки Арнӯн сарҳади Мӯоб,
дар миёни Мӯоб ва амӯриён аст+.
[14] Бинобар ин дар китоби ҷангҳои Худованд гуфта шудааст:
«Аз Воҳиб, ки дар Суфа аст,

ва аз водиҳои Арнӯн гузаштем,
15 Ва низ аз ҷараёнгоҳи водиҳо,
ки ҷониби мавқеи Ор майл мекунад,
ва ба ҳудуди Мӯоб мепайвандад»+.
16 Ва аз он ҷо ба Баир* кӯч карданд. Ин ҳамон чоҳест, ки Худованд
дар бораи он ба Мусо гуфт: «Қавмро ҷамъ кун, то ки ба онҳо об
диҳам».
17 Он гоҳ исроилиён ин сурудро сароиданд:
«Лабрез шав, эй чоҳ! — бисароед ба он, —
18 Чоҳе ки мирон онро ҳафра задаанд,
наҷибони кавм бо чӯбдаст
ва асоҳои худ онро кандаанд».
Ва аз биёбон ба Маттоно кӯч карданд.
19 Ва аз Маттоно — ба Наҳалиил, ва аз Наҳалиил — ба Бомӯт,
20 Ва аз Бомӯт — ба Гай, ки дар кишвари Мӯоб, бар қуллаи Фисҷа
воқеъ аст, бар қуллае ки бар рӯи биёбон қад кашидааст.

21 •Ва Исроил ба Сиҳӯн, подшоҳи амӯриён, қосидонро фиристод,
то ки бигӯянд:
22 «Хоҳишмандам, ки аз заминат убур кунам; ба киштзор ва токзор
дохил нахоҳем шуд, аз оби чоҳ нахоҳем нӯшид; бо шоҳроҳ хоҳем
рафт, то даме ки аз ҳудуди ту убур кунем»+.
23 Вале Сиҳӯн барои убур кардани Исроил аз ҳудуди худ роҳ надод;
ва Сиҳӯн тамоми кавми худро ҷамъ кард, ва ба пешвози Исроил ба
биёбон баромад, ва ба Ёҳас расида, бо Исроил ҷанг кард.
24 Ва Исроил варо ба дами шамшер зада, заминашро аз Арнӯн то
Яббӯқ ва то банӣ-Аммӯн тасарруф намуд, зеро ки сарҳади банӣ-
Аммӯн мустаҳкам буд+.
25 Ва Исроил ҳамаи ин шаҳрҳоро гирифт, ва Исроил дар ҳамаи
шаҳрҳои амӯриён, дар Ҳешбӯн ва дар тамоми деҳоташ сокин шуд.
26 Зеро ки Ҳешбӯн шаҳри Сиҳӯн, подшоҳи амӯриён буд, ва ӯ бо
подшоҳи пештараи Мӯоб ҷанг карда, тамоми замини варо то Арнӯн
аз дасташ гирифта буд.
27 Бинобар ин ровиён мегӯянд:
«Ба Ҳешбӯн биёед,
шаҳри Сиҳӯн бино ёфта, обод мешавад!

28 Зеро ки оташе аз Ҳешбӯн баромад,
ва алангае аз шаҳри Сиҳӯн;
Ор-Мӯоброро сӯзонид,
ва соҳибони баландиҳои Арнӯнро+.
29 Вой бар ҳоли ту, эй Мӯоб!
Ба ҳалокат расидед, эй қавми Камуш!
Писарони ҳудро гуреза гардонид
ва духтарони худро ба Сидӯн,
подшоҳи амӯриён, ба асирӣ дод+.
30 Ва мо ба онҳо тир андохтем,
ва Ҳешбӯн то Дибӯн нобуд шуд;
ва онҳоро то Нуфаҳ, ки назди Мидбо мебошад,
харобазор гардондем»+.

31 Ва Исроил дар замини амӯриён маскан гирифт.

32 Ва Мусо фиристод, ки Яъзирро ҷосусӣ намоянд, ва деҳоти онро забт карданд, ва амӯриёнро, ки дар он ҷо буданд, бадар ронданд+.

33 Ва тоб хӯрда, ба роҳи Бошон баромаданд, ва Ӯҷ, подшоҳи Бошон, бо тамоми қавми худ ба муқобили онҳо берун омад, то ки назди Адрай ҷанг кунад+.

34 Ва Худованд ба Мусо гуфт: «Аз вай натарс, зеро ки варо бо тамоми қавмаш ва заминаш ба дасти ту месупорам, ва бо вай ончунон амал хоҳӣ кард, чунон ки бо Сиҳӯн, подшоҳи амӯриён, ки дар Ҳешбӯн сокин буд, амал кардӣ»+.

35 Ва ӯро бо писаронаш ва тамоми қавмаш зарба заданд, ба тавре ки касе аз онҳо боқӣ намонд, ва замини ӯро тасарруф карданд.

## Билъом.

22 [1] Ва банӣ-Исроил кӯч карда, дар даштҳои Мӯоб, дар он
тарафи Урдун, дар наздикии Ериҳӯ ӯрду заданд.
[2] Ва Болоқ ибни Сипӯр ҳар он чиро, ки Исроил ба амӯриён карда
буд, дид;+
[3] Ва Мӯоб аз ин қавм бағоят ҳаросон шуд, зеро ки онҳо сершумор
буданд; ва Мӯоб аз банӣ-Исроил дар изтироб афтод.
[4] Ва Мӯоб ба пирони Мидьён гуфт: «Алҳол ин ҷамоат ҳар он чиро,
ки дар атрофи мост, хоҳанд лесид, чунон ки барзагов сабзаи саҳроро
мелесад». Ва Болоқ ибни Сипӯр дар он замин подшоҳи Мӯоб буд.
[5] Ва ӯ қосидонро ба Фатӯр, ки дар соҳили наҳр аст, назди Билъом
ибни Баӯр, ба замини писарони қавми вай фиристод, то ки варо
хонда, бигӯянд: «Инак, қавме аз Миср берун омадаанд, ва онҳо рӯи
заминро пӯшонидаанд, ва рӯ ба рӯи ман маскан гирифтаанд+.
[6] Ва алҳол, лутфан, омада, ин қавмро лаънат намо, зеро ки онҳо аз
ман қавитаранд: шояд, комьёб шавам, ва мо онҳоро зарба занем, ва
ман онҳоро аз ин замин бадар ронам; зеро ки медонам: ҳар киро ту
баракат диҳӣ, муборак хоҳад буд, ва ҳар киро лаънат намоӣ, малъун
хоҳад буд»+.
[7] Ва пирони Мӯоб бо пирони Мидьён рафтанд, ва музди ҷодугарии
вай дар дасташон буд, ва назди Билъом омада, суханони Болоқро ба
вай гуфтанд.
[8] Ва ӯ ба онҳо гуфт: «Имшаб дар ин ҷо бимонед, ва чӣ тавре ки
Худованд ба ман бигӯяд, ба шумо ҷавоб хоҳам гардонид». Ва
сарварони Мӯоб назди Билъом монданд.
[9] Ва Худо назди Билъом омада, гуфт: «Кистанд ин касоне ки назди
ту мебошанд?»
[10] Ва Билъом ба Худо гуфт: «Болоқ ибни Сипӯр, подшоҳи Мӯоб,
назди ман фиристодааст, ки:
[11] „Инак, қавми аз Миср баромадае рӯи заминро пӯшонидаанд;
акнун омада, онҳоро аз барои ман лаънат намо: шояд, комьёб шавам,
ки ба онҳо ҷанг карда, онҳоро бадар ронам“».
[12] Ва Худо ба Билъом гуфт: «Бо онҳо нарав, он қавмро лаънат
нанамо, зеро ки онҳо қавми муборакand».

13 Ва Билъом бомдодон бархоста, ба сарварони Болоқ гуфт: «Ба
замини худ биравед, зеро Худованд намехоҳад ба ман изн диҳад, ки
бо шумо биравам».
14 Ва сарварони Мӯоб бархостанд, ва назди Болоқ омада, гуфтанд:
«Билъом розӣ нашуд, ки бо мо биёяд».
15 Ва Болоқ боз сарваронеро фиристод, ки назар ба инҳо бештар ва
мӯҳтарамтар буданд.
16 Ва онҳо назди Билъом омада, ба вай гуфтанд: «Болоқ ибни
Сипӯр чунин мегӯяд: „Лутфан, аз омадан назди ман рӯй нагардон.
17 Зеро ки туро бағоят иззату икром хоҳам кард, ва ҳар он чи ба
ман бигӯӣ, ба ҷо хоҳам овард; лутфан, омада, аз барои ман ин қавмро
лаънат намо“».
18 Ва Билъом ҷавоб гардонида, ба бандагони Болоқ гуфт: «Агарчи
Болоқ хонаи худро пур аз нуқра ва тилло ба ман бидиҳад, фармони
Худованд Худои худро наметавонам поймол намуда, кори хурде ё
бузурге бикунам;+
19 Ва алҳол, лутфан, шумо низ имшаб дар ин ҷо бимонед, то
бидонам, ки Худованд ба ман боз чӣ хоҳад гуфт».
20 Ва Худо шабона назди Билъом омада, ба вай гуфт: «Модоме ки
ин одамон барои хондани ту омадаанд, бархоста, бо онҳо бирав; вале
фақат он чиро, ки ман ба ту хоҳам гуфт, ба амал овар».
21 Ва бомдодон Билъом бархост, ва модахари худро зин карда, бо
сарварони Мӯоб равона шуд.
22 Ва хашми Худо барои рафтани ӯ аланга зад, ва фариштаи
Худованд дар роҳ истод, то ки ба ӯ мамониат расонад; ва ӯ бар
модахараш савор буд, ва ду навкараш ҳамроҳаш буданд.
23 Ва модахар фариштаи Худовандро дид, ки дар сари роҳ
истодааст, ва шамшери бараҳнааш дар дасти ӯст, — ва модахар аз роҳ
тоб хӯрда, ба киштзор рафт; ва Билъом модахарро зад, то ки онро ба
роҳ баргардонад+.
24 Ва фариштаи Худованд дар пайроҳае дар миёни токзор истод,
ки деворе ба ин тарафаш ва деворе ба он тарафаш буд.
25 Ва модахар фариштаи Худовандро дида, худро ба девор
часпонид, ва пои Билъомро ба девор фушурд; ва ӯ боз онро зад.
26 Ва фариштаи Худованд онсӯтар гузашта, дар макони танге
истод, ки барои гаштан ба тарафи рост ё чап роҳе набуд.

27 Ва модахар фариштаи Худовандро дида, зери Билъом хобид; ва
хашми Билъом аланга зад, ва ӯ модахарро бо таёқаш задан гирифт.
28 Ва Худованд даҳони модахарро кушод, ва он ба Билъом гуфт:
«Ба ту чӣ кардаам, ки маро ин се карат задӣ?»
29 Ва Билъом ба модахар гуфт: «Зеро ки ту маро ба хашм овардӣ;
агар шамшер дар дастам мебуд, алҳол туро мекуштам».
30 Ва модахар ба Билъом гуфт: «Ман, охир, модахари ту ҳастам, ки
дер вақт боз ва то имрӯз ту бар ман савор мешавӣ; оё ягон вақт ман
одат доштам, ки бо ту чунин рафтор кунам!» Ва ӯ гуфт: «Не».
31 Ва Худованд чашмони Билъомро кушод, ва ӯ фариштаи
Худовандро дид, ки дар сари роҳ истодааст, ва шамшери бараҳна дар
дасташ; ва ӯ хам шуда, пеши вай саҷда кард.
32 Ва фариштаи Худованд ба ӯ гуфт: «Аз барои чӣ модахари худро
ин се карат задӣ? Инак, ман баромадаам, то ки ба ту мамониат
расонам, зеро ки ин роҳ ба муддаои табъи ман нест;
33 Ва модахар маро дида, ин се карат худро аз ман канор гирифт;
агар он худро аз ман канор намегирифт, ман ҳатто туро алҳол
мекуштам, вале онро зинда мегузоштам».
34 Ва Билъом ба фариштаи Худованд гуфт: «Ман гуноҳ кардам,
зеро надонистам, ки ту ба пеши ман дар сари роҳ истодаӣ; ва алҳол,
агар ин дар назарат бад бошад, ман хоҳам баргашт».
35 Ва фариштаи Худованд ба Билъом гуфт: «Бо ин одамон бирав,
валекин фақат суханеро, ки ман ба ту хоҳам гуфт, бигӯ». Ва Билъом
бо сарварони Болоқ рафт.
36 Ва Болоқ омадани Билъомро шунида, ба пешвози ӯ ба шаҳри
Мӯоб, ки дар сарҳади Арнӯн, дар канори худудаш буд, берун омад+.
37 Ва Болоқ ба Билъом гуфт: «Ман, охир, барои хондани ту
фиристода будам; пас, чаро назди ман наомадӣ? Оё ҳақиқатан гумон
мекунӣ, ки ман наметавонам туро иззату икром намоям?»
38 Ва Билъом ба Болоқ гуфт: «Инак, назди ту омадаам; алҳол, оё
ман метавонам чизе бигӯям? Он чи Худо дар даҳонам бигузорад,
ҳамонро хоҳам гуфт»+.
39 Ва Билъом бо Болоқ рафт, ва онҳо ба Қирьят-Ҳусӯт расиданд.
40 Ва Болоқ говон ва гӯсфандон забҳ кард, ва назди Билъом ва
сарвароне ки бо ӯ буданд, фиристод.

[41] Ва бомдодон Болоқ Билъомро гирифт, ва ӯро ба баландиҳои
Баал баровард; ва ӯ аз он ҷо як қисми қавмро мушоҳида намуд.

## Билъом. Лаънати ӯ ба баракат мубаддал шуд.

# 23

[1] Ва Билъом ба Болоқ гуфт: «Дар ин ҷо барои ман ҳафт қурбонгоҳ бино намо, ва ҳафт наргову ҳафт қӯчқор барои ман дар ин ҷо тайёр кун»+.

[2] Ва Болоқ ончунон ки Билъом гуфт, ба амал овард, ва Болоқу Билъом бар ҳар қурбонгоҳ наргове ва қӯчқоре тақдим карданд.

[3] Ва Билъом ба Болоқ гуфт: «Назди қурбонии сӯхтании худ биист, ва ман меравам: шояд, Худованд ба пешвози ман биёяд, ва ҳар чи Ӯ ба ман зоҳир намояд, ба ту хоҳам гуфт». Ва ӯ ба баландие баромад.

[4] Ва Худо ба Билъом дучор омад, ва вай ба Ӯ гуфт: «Ҳафт қурбонгоҳ ороста кардам ва бар ҳар қурбонгоҳ наргове ва қӯчқоре тақдим намудам».

[5] Ва Худованд сухане ба даҳони Билъом гузошта, гуфт: «Назди Болоқ баргард, ва чунин бигӯ».

[6] Ва ӯ назди вай баргашт, ва инак, вай бо ҳамаи сарварони Мӯоб назди қурбонии сӯхтании худ истода буд.

[7] Ва ӯ масали худро оварда, гуфт:
«Болоқ, подшоҳи Мӯоб, маро аз Арам, аз кӯҳҳои шарқ овард:
„Биё, Яъқубро барои ман лаънат намо,
ва биё, Исроилро нафрин фармо!“
[8] Чӣ гуна лаънат намоям, дар сурате ки Худо лаънат нанамудааст?
Ва чӣ гуна нафрин фармоям, дар сурате ки Худованд нафрин
нафармудааст+?
[9] Зеро ки аз сари сахраҳо варо мебинам,
ва аз болои талҳо варо мушоҳида менамоям:
инак, қавмест, ки ба танҳоӣ маскан мегирад,
ва дар миёни халқҳо худро ҳисоб намекунад+.
[10] Кист, ки ғубори Яъқубро тавонад бишуморад,
ва хоки Исроилро ба ҳисоб оварад?
Бигзор ҷони ман бо фавти одилон бимирад,
ва фарҷоми ман мисли фарҷоми онҳо бошад!»+

[11] Ва Болоқ ба Билъом гуфт: «Ба ман чӣ кардӣ? Туро овардам, то ки душманонамро лаънат намоӣ, вале ту инак, баракат медиҳӣ!»

[12] Ва ӯ ҷавоб гардонида, гуфт: «Ман, охир, он чиро, ки Худованд ба даҳонам мегузорад, бояд айнан бигӯям».

## Ҳақ шумурдани Исроил.

13 Ва Болоқ ба ӯ гуфт: «Лутфан, бо ман ба макони дигаре биё, ки аз
он ҷо онҳоро хоҳӣ дид, фақат як қисми онҳоро хоҳӣ дид, вале ҳамаи
онҳоро нахоҳӣ дид, ва аз он ҷо онҳоро барои ман лаънат намо».
14 Ва ӯро ба майдони Сӯфим, бар қуллаи Фисҷа бурд; ва ҳафт
қурбонгоҳ бино кард, ва бар ҳар қурбонгоҳ наргове ва қӯчқоре
тақдим намуд.
15 Ва ба Болоқ гуфт: «Дар ин ҷо назди қурбонии сӯхтании худ
биист, вале ман дар он ҷо мулоқот хоҳам кард».
16 Ва Худованд бо Билъом мулоқот намуд ва сухане ба даҳони ӯ
гузошта, гуфт: «Назди Болоқ баргард ва чунин бигӯ».
17 Ва ӯ назди вай омад, ва инак, вай назди қурбонии сӯхтании худ
бо сарварони Мӯоб истода буд, ва Болоқ аз ӯ пурсид: «Худованд чӣ
гуфт?»
18 Ва ӯ масали худро оварда, гуфт:
«Бархез, эй Болоқ, ва бишнав,
ба ман гӯш деҳ, эй писари Сипӯр!
19 Худо одамизод нест, ки дурӯғ бигӯяд,
ва писари одам нест, ки аз ваъдаи худ пушаймон шавад:
оё Ӯ сухане мегӯяд — ва ба ҷо намеоварад?
Ва оё Ӯ қавле медиҳад — ва иҷро намекунад+?
20 Инак, ман маъмур шудаам, ки баракат бидиҳам.
ва Ӯ баракат додааст, ва ман наметавонам онро ботил намоям.
21 Ӯ хабосате дар Яъқуб надидааст,
ва ноинсофие дар Исроил мушоҳида накардааст.
Худованд Худои онҳо бо онҳост,
ва нидоҳои шодӣ дар шаъни подшоҳашон дар миёни онҳост.
22 Худо онҳоро аз Миср берун овард, —
Ӯ мисли шохҳои бузи ваҳшӣ пурқувват аст+.
23 Ба яқин, Яъқубро ба ҷодуе ҳоҷат нест,
ва Исроилро ба афсуне ҳоҷат нест;
ҳар вақт ба Яъқуб ва ба Исроил гуфта хоҳад шуд,
ки Худо чӣ корҳо мекунад+.
24 Инак, ин қавм мисли шери мода хоҳанд бархост
ва мисли шери нар баланд хоҳанд ҷаст,

ва то нахҷирро нахӯранд
ва хуни мақтулонро нанӯшанд, нахоҳанд хобид»+.
[25] Ва Болоқ ба Билъом гуфт: «Модоме ки наметавонӣ онҳоро
лаънат намоӣ, лаънат нанамо, аммо онҳоро баракат ҳам надеҳ».
[26] Ва Билъом ҷавоб гардонида, ба Болоқ гуфт: «Ман, охир, ба ту
сухан ронда гуфта будам, ки ҳар он чи Худованд бигӯяд, ҳамонро ба
амал хоҳам овард».
[27] Ва Болоқ ба Билъом гуфт: «Лутфан, биё, то ки туро ба макони
дигаре бибарам; шояд, он ба назари Худо писанд ояд, ва ту аз он ҷо
онҳоро барои ман лаънат намоӣ».
[28] Ва Болоқ Билъомро ба қуллаи Фаӯр, ки бар рӯи биёбон қад
кашидааст, бурд.
[29] Ва Билъом ба Болоқ гуфт: «Барои ман дар ин ҷо ҳафт қурбонгоҳ
бисоз, ва барои ман дар ин ҷо ҳафт наргов ва ҳафт қӯчқор муҳайё
намо».
[30] Ва Болоқончунон ки Билъом гуфт, амал кард, ва бар ҳар
қурбонгоҳ наргове ва қӯчқоре тақдим намуд.

## Билъом боз барои Исроил некӯиро пешгӯӣ мекунад.

**24** [1] Ва Билъом дид, ки Исроилро баракат додан ба назари
Худованд писанд меояд, бинобар ин, мисли дафъаҳои пештара,
барои амали афсун нарафт, балки сӯи биёбон рӯй овард.
[2] Ва Билъом чашмонашро боло карда, Исроилро дид, ки бар ҳасби
сибтҳояш маскан гирифтааст, ва Рӯҳи Худо бар ӯ фурӯ рехт+.
[3] Ва ӯ масали худро оварда, гуфт:
«Ин аст нутқи Билъом ибни Баӯр,
нутқи марде ки чашмаш воз шудааст,
[4] Нутқи касе ки суханони Худоро мешунавад,
рӯъёҳои Қодирро муоина менамояд,
фурӯ меғалтад, вале чашмонаш кушода мебошад:
[5] Чӣ зебост хаймаҳои ту, эй Яъқуб,
ва масканҳои ту, эй Исроил!
[6] Онҳо мисли ҷӯйборҳо ба ҳар тараф ҷорӣ мешавад,
мисли боғҳои канори наҳр аст,
мисли дарахтони уд, ки Худованд шинонда бошад,
мисли дарахтони арзи назди обҳост.
[7] Сатилҳои оби ӯ лабрез хоҳад шуд,
ва тухмии ӯ дар обҳои фаровон хоҳад буд,
ва подшоҳи ӯ аз Аҷаҷ бартарӣ пайдо хоҳад кард,
ва мамлакати ӯ сарбаланд хоҳад гардид.
[8] Худо ӯро аз Миср берун овард, —
Ӯ мисли шоххои бузи ваҳшӣ пурқувват аст,
халқҳоро, ки душманони ӯянд, нест хоҳад кард,
ва устухонҳои онҳоро хоҳад шикаст,
ва онҳоро бо тирҳои худ хоҳад дӯхт+.
[9] Монанди шери нар ва монанди шери мода чӯкида,
дар камин хобидааст, кист, ки ӯро бархезонад?
Ҳар кӣ туро баракат диҳад, бигзор муборак бошад,
ва ҳар кӣ туро лаънат намояд, бигзор малъун бошад!»+
[10] Ва хашми Болоқ бар Билъом аланга гирифт, ва аз яъс ӯ
кафҳояшро ба ҳам зад, ва Болоқ ба Билъом гуфт: «Туро хондам, то ки
душманонамро лаънат намоӣ, ва инак, ту ин се карат паи ҳам
баракат медиҳӣ!+

11 Ва алҳол ба макони худ бигрез; мехостам туро бағоят иззату
икром намоям, вале инак, Худованд туро аз иззат маҳрум кард».
12 Ва Билъом ба Болоқ гуфт: «Ман, охир, ба қосидони ту низ, ки
назди ман фиристода будӣ, сухан ронда, гуфтам:
13 „Агарчи Болоқ хонаи худро пур аз нуқра ва тилло ба ман
бидиҳад, фармони Худовандро наметавонам поймол намуда, ба
дилхоҳи худ некӣ ё бадӣ бикунам; он чи Худованд бигӯяд, ҳамонро
хоҳам гуфт“.
14 Ва алҳол, инак, ман назди қавми худ меравам; биё, ман туро
огоҳ намоям, ки ин қавм ба қавми ту чиҳо хоҳанд кард».

## Нубуввати Билъом.

15 Ва ӯ масали худро оварда, гуфт:
«Ин аст нутқи Билъом ибни Баӯр,
нутқи марде ки чашмонаш воз шудааст,
16 Нутқи касе ки суханони Худоро мешунавад,
ва афкори Ҳаққи Таолоро медонад, —
рӯъёҳои Қодирро муоина менамояд,
фурӯ меғалтад, вале чашмонаш кушода мебошад.
17 Онро мебинам, валекин на ҳозираро;
онро муоина менамоям, вале он наздик нест:
ситорае аз Яъқуб тулӯъ хоҳад намуд,
ва чӯбдасти салтанат аз Исроил хоҳад бархост,
ва ҳудуди Мӯобро сар то сар торумор хоҳад кард,
ва тамоми банӣ-Шитро ба ҳалокат хоҳад расонид+.
18 Ва Адӯм зердаст хоҳад шуд,
ва Сеир зердасти душманонаш хоҳад шуд;
ва Исроил комьёб хоҳад гардид+.
19 Ва он ки аз Яъқуб ба майдон меояд, салтанат хоҳад ронд,
ва он чиро, ки аз шаҳр боқӣ монда бошад, несту нобуд хоҳад кард».
20 Ва Амолеқро дид, ва масали худро оварда, гуфт:
«Амолеқ аввали халқост,
ва охираш несту нобуд шудан аст»+.
21 Ва қениёнро дид, ва масали худро оварда, гуфт:
«Маскани ту мустаҳкам аст,
ва лонаи ту дар сахра гузошта шудааст;+

[22] Аммо Қойин валангор хоҳад шуд,
ба қарибӣ туро Ашшур ба асирӣ хоҳад бурд».
[23] Ва масали худро оварда, гуфт:
«Ҳайҳот, аз замоне ки Худо инро ба амал оварад,
кист, ки тавонад зинда монад!
[24] Ва киштиҳо аз ҷониби Киттим хоҳанд омад,
ва Ашшурро мағлуб хоҳанд кард ва Эбарро мағлуб хоҳанд кард;
вале онҳо низ нест у нобуд хоҳанд шуд»+.
[25] Ва Билъом бархост, ва рафта, ба макони худ баргашт; ва Болоқ
низ ба роҳи худ рафт.

## Исроил барои маъсият ҷазо ёфт.

**25** 1 Ва Исроил дар Шиттим сокин шуд; ва қавм бо духтарони
Мӯоб зино кардан гирифтанд+.
2 Ва онҳо қавмро ба забҳҳои худоёни худ мехонданд, ва қавм
мехӯрданд, ва ба худоёни онҳо саҷда мебурданд+.
3 Ва исроилиён ба Баал-Фаӯр ангал шуданд; ва хашми Худованд
бар Исроил аланга зад+.
4 Ва Худованд ба Мусо гуфт: «Ҳамаи сардорони қавмро бигир ва
онҳоро барои Худованд зери офтоб ба дор бикаш, то ки шиддати
ғазаби Худованд аз Исроил баргардад»+.
5 Ва Мусо ба доварони Исроил гуфт: «Ҳар кадоматон одамони
худро, ки ба Баал-Фаӯр ангал шуда бошанд, бикушед».
6 Ва инак, марде аз банӣ-Исроил омада, зани мидьёниро пеши
назари Мусо ва пеши назари тамоми ҷамоати банӣ-Исроил назди
бародарони худ овард, дар сурате ки онҳо назди даромадгоҳи хаймаи
ҷомеъ мегиристанд.
7 Ва Финҳос ибни Элъозор ибни Ҳоруни коҳин инро дид, ва аз
миёни ҷамоат бархоста, найзаро ба дасти худ гирифт,+
8 Ва аз қафои он марди исроилӣ ба хуҷра дохил шуда, ҳар дуяшон,
марди исроилӣ ва занро ба шикамаш халонид; ва вабо аз банӣ-
Исроил бартараф шуд+.
9 Ва мурдагон аз вабо бисту чор ҳазор нафар буданд.
10 Ва Худованд ба Мусо сухан ронда, гуфт:
11 «Финҳос ибни Элъозор ибни Ҳоруни коҳин ғазаби Маро аз банӣ-
Исроил дур кард, чунки бо рашки Ман дар миёни онҳо рашк кард, ва
Ман банӣ-Исроилро бо рашки худ маҳв накардам.
12 Бинобар ин бигӯ: „Инак, Ман аҳди осоиштагии Худро ба ӯ
медиҳам;+
13 Ва он барои ӯ ва барои насли ӯ баъд аз ӯ аҳди каҳонати абадӣ
хоҳад буд, чунки ӯ барои Худои худ рашк карда, банӣ-Исроилро
кафорат намуд“»+.
14 Ва номи он марди исроилии мақтул, ки бо зани мидьёнӣ кушта
шуд, Зимрӣ ибни Солу буд, ки вай раиси як хонаводаи шимъӯниён
буд.

15 Ва номи он зани мидьёние ки кушта шуд, Козбӣ бинти Сур буд,
ки падараш сардори хонаводаи қабилае дар Мидьён буд+.
16 Ва Худованд ба Мусо сухан ронда, гуфт:
17 «Бо мидьёниён адоват намуда, онҳоро шикаст диҳед;+
18 Зеро ки онҳо бо найрангҳои худ ба шумо душманӣ мекунанд, ва
дар воқеаи Фаӯр ва дар масъалаи хоҳари худ, Козбӣ бинти раиси
Мидьён, ки дар рӯзи вабо, дар воқеаи Фаӯр кушта шуд, шуморо
фирефта карданд».

## Саршумории насли ҷавон.

26 [1] Ва баъд аз вабо чунин воқеъ шуд, ки Худованд ба Мусо ва ба
Элъозор ибни Ҳоруни коҳин сухан ронда, гуфт:
[2] «Тамоми ҷамоати банӣ-Исроилро, бар ҳасби хонадонҳои онҳо, аз
бистсола ва болотар, яъне ҳамаи онҳоеро, ки ба лашкари Исроил
мераванд, саросар дар шумор оваред»+.
[3] Ва Мусо ва Элъозори коҳин ба онҳо дар даштҳои Мӯоб, назди
Урдун, дар рӯ ба рӯи Ериҳӯ, сухан ронда, гуфтанд:
[4] «Аз бистсола ва болотар дар шумор оваред, чунон ки Худованд ба
Мусо ва ба банӣ-Исроил, ки аз замини Миср берун омаданд, амр
фармуда буд».
[5] Реубен, нахустзодаи Исроил: банӣ-Реубен: аз Ҳанӯх қабилаи
ҳанӯхиён, аз Фаллу қабилаи фаллуиён,+
[6] Аз Ҳесрӯн қабилаи ҳесрӯниён, аз Essentials Кармӣ қабилаи кармиён+.
[7] Инҳоянд қабилаҳои реубениён; ва дар шумор овардашудагони
онҳо чилу се ҳазору ҳафтсаду сӣ нафар буданд+.
[8] Ва банӣ-Фаллу: Элиёб.
[9] Ва банӣ-Элиёб: Намуил ва Дотон ва Абиром; ҳамон Дотон ва
Абиром, ки калоншавандагони ҷамоат буда, ба зидди Мусо ва Ҳорун
бо якҷоягии дастаи Қӯраҳ фитна андохта буданд, вақте ки онҳо ба
зидди Худованд фитна андохтанд;+
[10] Ва замин даҳони худро кушода, онҳоро бо Қӯраҳ фурӯ бурда буд,
вақте ки он даста мурданд, ва оташ дусаду панҷоҳ нафарро сӯзонид,
ва онҳо ба аломате мубаддал шуданд+.
[11] Вале банӣ-Қӯраҳ намурданд+.
[12] Банӣ-Шимъӯн бар ҳасби қабилаҳои онҳо: аз Намуил қабилаи
намуилиён, аз Ёмин қабилаи ёминиён, аз Ёкин қабилаи ёкиниён,+
[13] Аз Зораҳ қабилаи зораҳиён, аз Шоул қабилаи шоулиён.
[14] Инҳоянд қабилаҳои шимъӯниён — бисту ду ҳазору дусад
нафар+.
[15] Банӣ-Ҷод бар ҳасби қабилаҳои онҳо: аз Сафӯн қабилаи
сафӯниён, аз Ҳаҷҷӣ қабилаи ҳаҷҷиён, аз Шунӣ қабилаи шуниён,+
[16] Аз Ознӣ қабилаи озниён, аз Эрӣ қабилаи эриён,
[17] Аз Арӯд қабилаи арӯдиён, аз Арэлӣ қабилаи арэлиён.

18 Инҳоянд қабилаҳои банӣ-Ҷод бар ҳасби дар шумор
овардашудагони онҳо — чил ҳазору панҷсад нафар+.
19 Банӣ-Яҳудо: Эр ва Ӯнон; ва Эр ва Ӯнон дар замини Канъон
мурданд+.
20 Ва банӣ-Яҳудо бар ҳасби қабилаҳои онҳо инҳоянд: аз Шело
қабилаи шелоиён, аз Форас қабилаи форасиён, аз Зораҳ қабилаи
зораҳиён.
21 Ва банӣ-Форас инҳоянд: аз Ҳесрӯн қабилаи ҳесрӯниён, аз Ҳомул
қабилаи ҳомулиён.
22 Инҳоянд қабилаҳои Яҳудо бар ҳасби дар шумор
овардашудагони онҳо — ҳафтоду шаш ҳазору панҷсад нафар+.
23 Банӣ-Иссокор бар ҳасби қабилаҳои онҳо: аз Тӯлоъ қабилаи
тӯлоиён, аз Фувво қабилаи фуввоиён,+
24 Аз Ёшув қабилаи ёшувиён, аз Шимрӯн қабилаи шимрӯниён.
25 Инҳоянд қабилаҳои Иссокор бар ҳасби дар шумор
овардашудагони онҳо — шасту чор ҳазору сесад нафар+.
26 Банӣ-Забулун бар ҳасби қабилаҳои онҳо: аз Сорад қабилаи
сорадиён, аз Элӯн қабилаи элӯниён, аз Яҳлаил қабилаи яҳлаилиён+.
27 Инҳоянд қабилаҳои забулуниён бар ҳасби дар шумор
овардашудагони онҳо — шаст ҳазору панҷсад нафар+.
28 Банӣ-Юсуф бар ҳасби қабилаҳои онҳо: Менашше ва Эфроим+.
29 Банӣ-Менашше: аз Мокир қабилаи мокириён; ва Мокир
Ҷилъодро ба дуньё овард; аз Ҷилъод қабилаи ҷилъодиён+.
30 Инҳоянд банӣ-Ҷилъод: аз Иозар қабилаи иозариён, аз Ҳелақ
қабилаи ҳелақиён,
31 Ва аз Асриил қабилаи асриилиён, ва аз Шокам қабилаи
шокамиён,
32 Ва аз Шамидоъ қабилаи шамидоиён, ва аз Ҳефар қабилаи
ҳефариён.
33 Ва Салофҳод ибни Ҳефар писаре надошт, балки духтаронаш
буданд, ва номи духтарони Салофҳод ин аст: Маҳло, Нӯо, Ҳоҷло,
Милко ва Тирсо+.
34 Инҳоянд қабилаҳои Менашше, ва дар шумор овардашудагони
онҳо панҷоҳу ду ҳазору ҳафтсад нафар буданд+.
35 Инҳоянд банӣ-Эфроим бар ҳасби қабилаҳои онҳо: аз Шутолаҳ
қабилаи шутолаҳиён, аз Бокар қабилаи бокариён, аз Таҳан қабилаи

таҳаниён+.
36 Ва инҳоянд банӣ-Шутолаҳ: аз Эйрон қабилаи эйрониён.
37 Инҳоянд қабилаҳои банӣ-Эфроим бар ҳасби дар шумор
овардашудагони онҳо — сию ду ҳазору панҷсад нафар. Инҳоянд банӣ-
Юсуф бар ҳасби қабилаҳои онҳо+.
38 Банӣ-Биньёмин бар ҳасби қабилаҳои онҳо: аз Болаъ қабилаи
болаиён, аз Ашбил қабилаи ашбилиён, аз Аҳиром қабилаи
аҳиромиён,+
39 Аз Шафуфом қабилаи шафуфомиён, аз Ҳуфом қабилаи
ҳуфомиён.
40 Ва банӣ-Болаъ инҳоянд: Ард ва Наамон; аз Ард қабилаи ардиён,
аз Наамон қабилаи наамониён.
41 Инҳоянд банӣ-Биньёмин бар ҳасби қабилаҳои онҳо, ва дар
шумор овардашудагони онҳо чилу панҷ ҳазору ҳаштсад нафар
буданд+.
42 Инҳоянд банӣ-Дон бар ҳасби қабилаҳои онҳо: аз Шуҳом қабилаи
шуҳомиён; инҳоянд қабилаҳои Дон бар ҳасби қабилаҳои онҳо+.
43 Ҳамаи қабилаҳои шуҳомиён бар ҳасби дар шумор
овардашудагони онҳо — шасту чор ҳазору чорсад нафар буданд+.
44 Банӣ-Ошер бар ҳасби қабилаҳои онҳо: аз Йимно қабилаи
йимноиён, аз Йишвӣ қабилаи йишвиён, аз Барио қабилаи барионён+.
45 Аз банӣ-Барио: аз Ҳибар қабилаи ҳибариён, аз Малкиил қабилаи
малкиилиён.
46 Ва номи духтари Ошер Сораҳ буд.
47 Инҳоянд қабилаҳои банӣ-Ошер бар ҳасби дар шумор
овардашудагони онҳо — панҷоҳу се ҳазору чорсад нафар буданд+.
48 Банӣ-Нафтолӣ бар ҳасби қабилаҳои онҳо: аз Яҳсаил қабилаи
яҳсаилиён, аз Ҷунӣ қабилаи ҷуниён,+
49 Аз Есар қабилаи есариён, аз Шиллим қабилаи шиллимиён.
50 Инҳоянд қабилаҳои Нафтолӣ бар ҳасби қабилаҳои онҳо, ва дар
шумор овардашудагони онҳо чилу панҷ ҳазору чорсад нафар
буданд+.
51 Инҳоянд дар шумор овардашудагони банӣ-Исроил: шашсаду як
ҳазору ҳафтсаду сӣ нафар+.
52 Ва Худованд ба Мусо сухан ронда, гуфт:

53 «Ба инҳо, бар ҳасби шумораи номҳо, замин бояд барои
моликият тақсим карда шавад+.
54 Ба он ки сершумор аст, мулкашро зиёдтар бидеҳ, ва ба он ки
камшумор аст, мулкашро камтар бидеҳ; ба ҳар яке мулки вай бояд
мувофиқи дар шумор овардашудагонаш дода шавад+.
55 Замин бояд фақат аз рӯи қуръа тақсим карда шавад; бар тибқи
номҳои сибтҳои падарони худ онҳо бояд мулк бигиранд.
56 Ҳам ба онҳое ки сершуморанд, ва ҳам ба онҳое ки
камшуморанд, мулкашон бояд аз рӯи қуръа тақсим карда шавад».

57 •Ва инҳоянд дар шумор овардашудагони Левӣ бар ҳасби
қабилаҳои онҳо: аз Ҷершӯн қабилаи ҷершӯниён, аз Қаҳот қабилаи
қаҳотиён, аз Марорӣ қабилаи марориён.
58 Инҳоянд қабилаҳои Левӣ: қабилаи либниён, қабилаи
ҳебрӯниён, қабилаи маҳлиён, қабилаи мушиён, қабилаи қӯраҳиён;
ва Каҳот Амромро ба дунъё овард.
59 Ва номи зани Амром Юкобад буд, ки ӯ духтари Левӣ буд, ва ӯро
зани Левӣ дар Миср зоида буд; ва ӯ барои Амром Ҳорун ва Мусо ва
хоҳарашон Марьямро зоид.
60 Ва барои Ҳорун Нодоб, Абиҳу, Элъозор ва Итомор зоида
шуданд+.
61 Вале Нодоб ва Абиҳу мурданд, вақте ки оташи бегонае ба ҳузури
Худованд тақдим карданд+.
62 Ва дар шумор овардашудагони онҳо, яъне мардинае аз якмоҳа
ва болотар, бисту се ҳазор нафар буданд; зеро ки онҳо дар миёни
банӣ-Исроил дар шумор оварда нашуда буданд, чунки ба онҳо дар
миёни банӣ-Исроил моликият дода нашудааст+.
63 Инҳоянд дар шумор овардашудагон ба воситаи Мусо ва
Элъозори коҳин, вақте ки онҳо банӣ-Исроилро дар даштҳои Мӯоб,
назди Урдун, дар рӯ ба рӯи Ериҳӯ дар шумор оварданд.
64 Ва дар миёни онҳо касе набуд аз онҳое ки Мусо ва Ҳоруни коҳин
дар шумор оварда буданд, вақте ки банӣ-Исроилро дар биёбони Сино
дар шумор оварданд;
65 Зеро ки Худованд ба онҳо гуфта буд: «Ба яқин онҳо дар биёбон
хоҳанд мурд», ва аз онҳо, ба ҷуз Колеб ибни Ефунне ва Еҳушаъ ибни
Нун, касе боқӣ намонд+.

## Дастурот дар бораи мерос.

27 [1] •Ва духтарони Салофҳод ибни Ҳефар ибни Ҷилъод ибни
Мокир ибни Менашше, ки аз қабилаҳои Менашше ибни Юсуф
буданд, наздик омаданд, ва инҳост номҳои духтаронаш: Маҳло, Нӯо,
Ҳоҷло, Милко ва Тирсо;+
2 Ва ба ҳузури Мусо ва ба ҳузури Элъозори коҳин ва ба ҳузури
раисон ва тамоми ҷамоат, назди дари хаймаи ҷомеъ истода, гуфтанд:
3 «Падари мо дар биёбон мурд, ва ӯ дар миёни он дастае набуд, ки
ба зидди Худованд дар дастаи Қӯраҳ ҷамъ шуда буданд, балки дар
гуноҳи худ мурд, ва писаре надошт+.
4 Пас, чаро номи падари мо, аз боиси он ки писаре надорад, аз
миёни қабилаи ӯ нест шавад? Лутфан, ба мо дар миёни бародарони
падари мо мулке бидеҳ»+.
5 Ва Мусо даъвои онҳоро ба ҳузури Худованд овард.
6 Ва Худованд ба Мусо сухан ронда, гуфт:
7 «Духтарони Салофҳод дуруст мегӯянд; ба онҳо дар миёни
бародарони падарашон мулки меросие бидеҳ, ва мулки падарашонро
ба онҳо бисупор.
8 Ва ба банӣ-Исроил сухан ронда, бигӯ: „Агар касе бимирад ва
писаре надошта бошад, мулки ӯро ба духтараш бисупоред.
9 Ва агар ӯ духтаре надошта бошад, мулки ӯро ба бародаронаш
бидиҳед.
10 Ва агар бародаре надошта бошад, мулки ӯро ба бародари
падараш бидиҳед.
11 Ва агар падари ӯ бародаре надошта бошад, мулки ӯро ба касе
бидиҳед, ки аз қабилаи ӯ хеши наздиктараш бошад, то ки онро
тасарруф намояд. Ва бигзор ин барои банӣ-Исроил фаризаи шаръӣ
бошад, чунон ки Худованд ба Мусо амр фармудааст“»+.

## Мусо ба вафот тайёр мешавад. Ҷонишини ӯ — Ехушаъ ибни Нун.

12 Ва Худованд ба Мусо гуфт: «Ба ин кӯҳи Аборим баро, ва
заминеро, ки Ман ба банӣ-Исроил медиҳам, бубин+.
13 Ва ҳангоме ки онро бубинӣ, ту низ ба қавми худ хоҳӣ пайваст,
чунон ки бародарат Ҳорун бипайваст;+

14 Аз боиси он ки шумо дар биёбони Син, вақте ки ҷамоат низоъ
карданд, ба фармони Ман муқобилат намудед, ва қудсияти Маро
назди об пеши назари онҳо зоҳир насохтед, ки оби Мерибои Қодеш
дар биёбони Син буд»+.
15 Ва Мусо ба Худованд сухан ронда, гуфт:
16 «Бигзор Худованд, ки Худои рӯҳҳои тамоми навъи башар аст,
касеро бар ин ҷамоат таъин намояд,+
17 Ки вай пешопеши онҳо берун равад ва пешопеши онҳо дохил
шавад, онҳоро берун барад ва онҳоро дохил кунад, то ки ҷамоати
Худованд мисли гӯсфандони бе чӯпоне набошанд»+.
18 Ва Худованд ба Мусо гуфт: «Еҳушаъ ибни Нунро, ки марди
соҳибрӯҳ аст, барои худ бигир, ва дасти худро бар ӯ бимон,+
19 Ва ӯро ба ҳузури Элъозори коҳин ва ба ҳузури тамоми ҷамоат
пешниҳод кун, ва ӯро пеши назари онҳо таъин намо,+
20 Ва аз шукӯҳи худ ба ӯ бидеҳ, то ки тамоми ҷамоати банӣ-Исроил
ба ӯ гӯш диҳанд+.
21 Ва ӯ ба ҳузури Элъозори коҳин истад, то ки барои ӯ ҳукми
уримро ба ҳузури Худованд бипурсад: аз рӯи фармони вай бояд ӯ, ва
тамоми банӣ-Исроил бо ӯ, ва тамоми ҷамоат берун раванд, ва аз рӯи
фармони вай дохил шаванд».
22 Ва Мусо ончунон ки Худованд ба ӯ амр фармуда буд, амал
намуд, ва Еҳушаъро гирифта, ба ҳузури Элъозори коҳин ва ба ҳузури
тамоми ҷамоат пешниҳод кард;
23 Ва дастҳои худро бар ӯ гузошт, ва ӯро таъин намуд, чунон ки
Худованд ба воситаи Мусо гуфта буд.

## Тартиби тақдим кардани қурбониҳо.

28 [1] •Ва Худованд ба Мусо сухан ронда, гуфт:
[2] «Ба банӣ-Исроил амр фармо ва ба онҳо бигӯ: „Қурбонии
Маро, яъне нони Маро, ки барои қурбонии оташини Ман аст, ва атри
гуворои Ман аст, риоя намуда, дар сари вақташ тақдим кунед“+.
[3] Ва ба онҳо бигӯ: ин аст қурбонии оташине ки бояд ба Худованд
тақдим кунед: барраҳои нари яксолаи беайб, ҳар рӯз ду адад, барои
қурбонии сӯхтании доимӣ.
[4] Як барраро дар субҳ тақдим намо, ва барраи дигарро шомгоҳ
тақдим намо.
[5] Ва барои ҳадияи ордӣ — ба андозаи як ушри эфа орди маҳине ки
бо чорьяк ҳин равғани зайтуни кӯфта омехта шуда бошад.
[6] Ин — қурбонии сӯхтании доимиест, ки дар кӯҳи Сино ҳамчун
атри гуворо ва қурбонии оташин барои Худованд ба амал оварда
шуда буд.
[7] Ва ҳадияи рехтании он чорьяк ҳин барои ҳар барра аст; ин
ҳадияи рехтании шаробро барои Худованд дар макони муқаддас
бирез.
[8] Ва барраи дигарро шомгоҳ тақдим намо; мисли ҳадияи ордии
субҳ ва мисли ҳадияи рехтании он тақдим намо, то ки қурбонии
оташин ва атри гуворо барои Худованд бошад.
[9] Ва дар рӯзи шанбе — ду барраи нари яксолаи беайб, ва барои
ҳадияи ордӣ ду ушр орди маҳини омехта бо равған, ва ҳадияи
рехтании он.
[10] Ин — қурбонии сӯхтанӣ барои ҳар рӯзи шанбе мебошад, ба
иловаи қурбонии сӯхтании доимӣ ва ҳадияи рехтании он+.
[11] Ва дар навмоҳҳои худ қурбонии сӯхтанӣ барои Худованд
тақдим намоед: ду наргови ҷавон, як қӯчқор ва ҳафт барраи нари
яксолаи беайб,+
[12] Ва ҳадияи ордӣ ба андозаи се ушр орди маҳини омехта бо
равған барои ҳар наргов, ва ҳадияи ордӣ ба андозаи ду ушр орди
маҳини омехта бо равған барои ҳар қӯчқор,
[13] Ва ҳадияи ордӣ ба андозаи як ушр орди маҳини омехта бо
равған барои ҳар барра, то ки қурбонии сӯхтанӣ, атри гуворо,

қурбонии оташин барои Худованд бошад.
14 Ва ҳадияҳои рехтании онҳо — ба андозаи нисфи ҳин шароб
барои ҳар наргов бояд бошад, ва сеяки ҳин барои ҳар қӯчқор, ва
чорьяки ҳин барои ҳар барра; ин аст қурбонии сӯхтании ҳар як
навмоҳ дар моҳҳои сол.
15 Ва як нарбуз барои қурбонии гуноҳ, ба иловаи қурбонии
сӯхтании доимӣ ва ҳадияи рехтании он бояд тақдим карда шавад.

16 •Ва дар моҳи якум, дар рӯзи чордаҳуми моҳ, фисҳ барои
Худованд аст+.
17 Ва дар рӯзи понздаҳуми ин моҳ ид аст; ҳафт рӯз бояд фатир
хӯрда шавад+.
18 Дар рӯзи аввал ҷамъомади муқаддас аст, ҳеҷ кори пурзаҳмат
накунед.
19 Ва қурбонии оташин, қурбонии сӯхтанӣ барои Худованд тақдим
кунед: ду наргови ҷавон, як қӯчқор ва ҳафт барраи нари яксола;
бигзор онҳо барои шумо беайб бошад.
20 Ва ҳадияи ордии онҳо: орди маҳини омехта бо равған се ушр
барои ҳар наргов, ва ду ушр барои ҳар қӯчқор тақдим кунед.
21 Ва як ушр барои ҳар барра аз он ҳафт барра тақдим намо.
22 Ва як нарбуз барои қурбонии гуноҳ, то ки шуморо кафорат
намояд.
23 Инҳоро ба иловаи қурбонии сӯхтании субҳ, ки қурбонии
сӯхтании доимист, тақдим кунед.
24 Ҳамин тавр ҳар рӯз аз он ҳафт рӯз ба амал оваред; нони ҳадияи
оташин атри гуворо барои Худованд аст; ин бояд ба иловаи қурбонии
сӯхтании доимӣ ва ҳадияи рехтании он тақдим карда шавад.
25 Ва дар рӯзи ҳафтум бигзор ҷамъомади муқаддас барои шумо
бошад; ҳеҷ кори пурзаҳмат накунед.

26 •Ва дар рӯзи навбарҳо, вақте ки ҳадияи ордии тоза барои
Худованд дар иди ҳафтаҳои худ тақдим менамоед, бигзор
ҷамъомади муқаддас барои шумо бошад; ҳеҷ кори пурзаҳмат
накунед.
27 Ва қурбонии сӯхтание ҳамчун атри гуворо барои Худованд
тақдим кунед: ду наргови ҷавон, як қӯчқор ва ҳафт барраи нари
яксола;

[28] Ва ҳадияи ордии онҳо: орди маҳини омехта бо равған се ушр
барои ҳар наргов, ва ду ушр барои ҳар қӯчқор,
[29] Ва як ушр барои ҳар барра аз он ҳафт барра;
[30] Ва як нарбуз, то ки шуморо кафорат намояд.
[31] Онҳоро ба иловаи қурбонии сӯхтании доимӣ ва ҳадияи ордии
он тақдим намоед; бо ҳадияи рехтании онҳо; онҳо барои шумо беайб
бошад.

## Қурбониҳои идҳои моҳи ҳафтум.

**29** [1] Ва дар моҳи ҳафтум, дар рӯзи якуми моҳ, бигзор
ҷамъомади муқаддас барои шумо бошад; ҳеҷ кори пурзаҳмат
накунед; бигзор он барои шумо рӯзи навохтани карнайҳо бошад+.
[2] Ва қурбонии сӯхтание ҳамчун атри гуворо барои Худованд
тақдим кунед: як наргови ҷавон, як қӯчқор, ҳафт барраи нари
яксолаи беайб;
[3] Ва ҳадияи ордии онҳо: орди маҳини омехта бо равған се ушр
барои ҳар наргов, ду ушр барои ҳар қӯчқор,
[4] Ва як ушр барои ҳар барра аз он ҳафт барра;
[5] Ва як нарбуз барои қурбонии гуноҳ, то ки шуморо кафорат
намояд,
[6] Ба иловаи қурбонии сӯхтании навмоҳ ва ҳадияи ордии он, ва
қурбонии сӯхтании доимӣ ва ҳадияи ордии он, ва ҳадияҳои
рехтании онҳо бар тибқи дастури онҳо, то ки атри гуворо ва
қурбонии оташин барои Худованд бошад.
[7] Ва дар рӯзи даҳуми ин моҳ бигзор ҷамъомади муқаддас барои
шумо бошад, ва шумо ҷонҳои худро азият диҳед; ҳеҷ кор накунед+.
[8] Ва қурбонии сӯхтание барои Худованд ҳамчун атри гуворо
тақдим кунед: як наргови ҷавон, як қӯчқор ва ҳафт барраи нари
яксола, ки барои шумо беайб бошад.
[9] Ва ҳадияи ордии онҳо: орди маҳини омехта бо равған се ушр
барои ҳар наргов, ду ушр барои як қӯчқор,
[10] Ва як ушр барои ҳар барра аз он ҳафт барра,
[11] Ва як нарбуз барои қурбонии гуноҳ, ба иловаи қурбонии гуноҳи
рӯзи кафорат ва қурбонии сӯхтании доимӣ бо ҳадияи ордии он, ва бо
ҳадияҳои рехтании онҳо.

[12] •Ва дар рӯзи понздаҳуми моҳи ҳафтум бигзор ҷамъомади
муқаддас барои шумо бошад; ҳеҷ кори пурзаҳмат накунед, ва иди
Худовандро ҳафт рӯз ид кунед+.
[13] Ва қурбонии сӯхтанӣ, қурбонии оташин, атри гуворо барои
Худованд тақдим кунед: сездаҳ наргови ҷавон, ду қӯчқор ва чордаҳ
барраи нари яксола, ки беайб бошад.

[14] Ва ҳадияи ордии онҳо: орди маҳини омехта бо равған се ушр
барои ҳар наргов аз он сездаҳ наргов, ду ушр барои ҳар қӯчқор аз он
ду қӯчқор,
[15] Ва як ушр барои ҳар барра аз он чордаҳ барра,
[16] Ва як нарбуз барои қурбонии гуноҳ, ба иловаи қурбонии
сӯхтании доимӣ, бо ҳадияи ордӣ ва ҳадияи рехтании он.
[17] Ва дар рӯзи дуюм: дувоздаҳ наргови ҷавон, ду қӯчқор, чордаҳ
барраи нари яксола, ки беайб бошад,
[18] Ва ҳадияҳои ордии онҳо ва ҳадияҳои рехтании онҳо барои
нарговҳо, қӯчқорҳо ва барраҳо, мувофиқи шумораи онҳо, бар тибқи
дастур,
[19] Ва як нарбуз барои қурбонии гуноҳ, ба иловаи қурбонии
сӯхтании доимӣ бо ҳадияи ордии он, ва бо ҳадияҳои рехтании онҳо.
[20] Ва дар рӯзи сеюм: ёздаҳ наргов, ду қӯчқор, чордаҳ барраи нари
яксола, ки беайб бошад,
[21] Ва ҳадияҳои ордӣ ва ҳадияҳои рехтании онҳо барои нарговҳо,
қӯчқорҳо ва барраҳо, мувофиқи шумораи онҳо, бар тибқи дастур,
[22] Ва як нарбуз барои қурбонии гуноҳ, ба иловаи қурбонии
сӯхтании доимӣ бо ҳадияи ордӣ ва ҳадияи рехтании он.
[23] Ва дар рӯзи чорум: даҳ наргов, ду қӯчқор, чордаҳ барраи нари
яксола, ки беайб бошад,
[24] Ва ҳадияҳои ордӣ ва ҳадияҳои рехтании онҳо барои нарговҳо,
қӯчқорҳо ва барраҳо, мувофиқи шумораи онҳо, бар тибқи дастур,
[25] Ва як нарбуз барои қурбонии гуноҳ, ба иловаи қурбонии
сӯхтании доимӣ бо ҳадияи ордӣ ва ҳадияи рехтании он.
[26] Ва дар рӯзи панҷум: нӯҳ наргов, ду қӯчқор, чордаҳ барраи нари
яксола, ки беайб бошад,
[27] Ва ҳадияҳои ордӣ ва ҳадияҳои рехтании онҳо барои нарговҳо,
қӯчқорҳо ва барраҳо, мувофиқи шумораи онҳо, бар тибқи дастур,
[28] Ва як нарбуз барои қурбонии гуноҳ, ба иловаи қурбонии
сӯхтании доимӣ бо ҳадияи ордӣ ва ҳадияи рехтании он.
[29] Ва дар рӯзи шашум: ҳашт наргов, ду қӯчқор, чордаҳ барраи нари
яксола, ки беайб бошад,
[30] Ва ҳадияҳои ордӣ ва ҳадияҳои рехтании онҳо барои нарговҳо,
қӯчқорҳо ва барраҳо, мувофиқи шумораи онҳо, бар тибқи дастур,

[31] Ва як нарбуз барои қурбонии гуноҳ, ба иловаи қурбонии
сӯхтании доимӣ ва ҳадияи ордӣ ва ҳадияҳои рехтании он.
[32] Ва дар рӯзи ҳафтум: ҳафт наргов, ду қӯчқор, чордаҳ барраи нари
яксола, ки беайб бошад,
[33] Ва ҳадияҳои ордӣ ва ҳадияҳои рехтании онҳо барои нарговҳо,
қӯчқорҳо ва барраҳо, мувофиқи шумораи онҳо, бар тибқи дастур,
[34] Ва як нарбуз барои қурбонии гуноҳ, ба иловаи қурбонии
сӯхтании доимӣ ва ҳадияи ордӣ ва ҳадияи рехтании он.
[35] Дар рӯзи ҳаштум бигзор ҷашн барои шумо бошад; ҳеҷ кори
пурзаҳмат накунед.
[36] Ва қурбонии сӯхтанӣ, қурбонии оташин, атри гуворо барои
Худованд тақдим кунед: як наргов, як қӯчқор, ҳафт барраи нари
яксола, ки беайб бошад.
[37] Ва ҳадияи ордӣ ва ҳадияҳои рехтании онҳо барои наргов,
қӯчқор ва барраҳо, мувофиқи шумораи онҳо, бар тибқи дастур,
[38] Ва як нарбуз барои қурбонии гуноҳ, ба иловаи қурбонии
сӯхтании доимӣ ва ҳадияи ордӣ ва ҳадияи рехтании он.
[39] Инҳоро барои Худованд дар идҳои худ тақдим намоед, ба
иловаи назрҳо ва хайроти худ: қурбониҳои сӯхтании худ ва ҳадияҳои
ордии худ ва ҳадияҳои рехтании худ ва қурбониҳои саломатии
худ»+.

## Дастурот дар борои назрҳо

**30** 1 Ва Мусо бар тибқи ҳар он чи Худованд ба Мусо амр фармуда
буд, ба банӣ-Исроил сухан ронд.
2 Ва Мусо ба сардорони сибтҳои банӣ-Исроил сухан ронда, гуфт:
«Ин аст он чи Худованд амр фармудааст:
3 Агар касе барои Худованд назр кунад, ё ки қасам хӯрда, нафси
худро аз чизе манъ намояд, пас набояд қавли худро ботил кунад,
балки бар тибқи ҳар он чи аз даҳонаш баромадааст, бояд амал
намояд+.
4 Ва агар зане дар хонаи падараш, дар айёми ҷавонияш, барои
Худованд назр карда, нафси худро аз чизе манъ намояд,
5 Ва падараш назри варо бишнавад, ки вай нафси худро аз чизе
манъ намудааст, ва падараш дар ин бобат хомӯш монад, пас ҳамаи
назрҳои вай қоим хоҳад буд, ва ҳар манъе ки вай бар нафси худ
гузоштааст, бояд ба амал оварда шавад.
6 Вале агар падараш дар рӯзе ки шунид, ба вай эътироз намояд,
ҳар назри вай ва ҳар манъе ки вай бар нафси худ гузоштааст, ба амал
нахоҳад омад, ва Худованд варо хоҳад омурзид, зеро ки падараш ба
вай монеъ шудааст.
7 Ва агар вай шавҳар кунад ва назрҳояш ё қавли даҳонаш, ки манъе
ба воситаи он бар нафси худ гузоштааст, бар гарданаш бошад,
8 Ва шавҳараш бишнавад, ва дар рӯзе ки шунид, дар ин бобат
хомӯш монад, пас назрҳои вай қоим хоҳад буд, ва манъҳое ки вай бар
нафси худ гузоштааст, бояд ба амал оварда шавад.
9 Вале агар шавҳараш, дар рӯзе ки шунид, ба вай эътироз намояд,
ва вай назреро, ки бар гардани вай аст, ва қавли даҳонашро, ки манъе
ба воситаи он бар нафси худ гузоштааст, ботил кунад, — Худованд
варо хоҳад омурзид.
10 Валекин назри бева ва зани талоқгирифта, яъне ҳар манъе ки
вай бар нафси худ гузоштааст, бояд аз ҷониби вай ба амал оварда
шавад.
11 Ва агар зане дар хонаи шавҳараш назр кунад, ё ки қасам хӯрда,
нафси худро аз чизе манъ намояд,
12 Ва шавҳараш бишнавад, ва дар ин бобат хомӯш монда, ба вай
эътироз нанамояд, — ҳамаи назрҳои вай қоим хоҳад буд, ва ҳар

манъе ки вай бар нафси худ гузоштааст, бояд ба амал оварда шавад.
13 Ва агар шавҳари вай, дар рӯзе ки шунид, онҳоро ботил кунад, —
ҳар қавле ки дар бораи назрҳояш ва манъи нафсаш аз даҳони вай
баромадааст, қоим нахоҳад буд; шавҳараш онҳоро ботил намудааст,
ва Худованд варо хоҳад омурзид.
14 Ҳар назре ва ҳар манъе ки барои азият додани нафси вай бошад,
— шавҳараш метавонад онро коим гардонад, ва шавҳараш метавонад
онро ботил кунад.
15 Ва агар шавҳараш дар ин бобат аз имрӯз то фардо хомӯш монад,
— ӯ бо ҳамин ҳамаи назрҳои варо, ё ҳамаи манъҳоеро, ки бар
гардани вай аст, қоим гардонидааст; азбаски ӯ, дар рӯзе ки шунид,
дар ин бобат хомӯш монд, бо ҳамин онҳоро қоим гардонид.
16 Ва агар ӯ, баъд аз шуниданаш, онҳоро ботил кунад, гуноҳи варо
ӯ ба гардани худ мегирад».
17 Ин аст фароизе ки Худованд ба Мусо амр фармуд оид ба
муносибатҳои байни шавҳар ва зани ӯ, байни падар ва духтари ӯ дар
айёми ҷавонии вай, вақте ки дар хонаи падараш мебошад.

## Доварӣ бар мидьёниён.

31 [1] Ва Худованд ба Мусо сухан ронда, гуфт:
[2] «Интиқоми банӣ-Исроилро аз мидьёниён бигир; баъд аз он
ба қавми худ хоҳӣ пайваст»+.
[3] Ва Мусо ба қавм сухан ронда, гуфт: «Аз миёни худ одамонро
барои лашкар мусаллаҳ намоед, то ки онҳо ба Мидьён ҳуҷум карда,
интиқоми Худовандро аз Мидьён бигиранд.
[4] Ҳазор нафар аз ҳар сибт, аз ҳамаи сибтҳои Исроил, ба лашкар
бифиристед».
[5] Ва аз қабилаҳои Исроил ҳазор нафар аз ҳар сибт, ҷамъ дувоздаҳ
ҳазор нафар ҷанговарони мусаллаҳ супурда шуданд.
[6] Ва Мусо онҳоро, ҳазор нафар аз ҳар сибт, ба ҷанг фиристод,
онҳоро бо Финҳос ибни Элъозори коҳин, ки колои муқаддас ва
карнайҳо барои навохтан дар дасташ буд, ба ҷанг фиристод+.
[7] Ва онҳо бо Мидьён, чунон ки Худованд ба Мусо амр фармуда буд,
ҷанг карданд, ва ҳамаи мардҳоро куштанд.
[8] Ва дар миёни мақтулон подшоҳони Мидьён: Авӣ, Роқам, Сур, Ҳур
ба Рабаъро, яъне панҷ подшоҳи Мидьёнро куштанд; ва Билъом ибни
Баӯрро бо шамшер куштанд+.
[9] Ва банӣ-Исроил занони Мидьён ва бачагони онҳоро ба асирӣ
бурданд; ва ҳамаи чорпоён ва ҳамаи рамаҳо ва тамоми дороии
онҳоро тороҷ карданд.
[10] Ва ҳамаи шаҳрҳои онҳоро дар бошишгоҳҳои онҳо, ва тамоми
деҳоти онҳоро бо оташ сӯзониданд.
[11] Ва тамоми ғанимат ва ҳамаи одамон ва чорпоёни забтшударо
гирифтанд,
[12] Ва асирон ва чорпоёни забтшуда ва ғаниматро пеши Мусо ва
Элъозори коҳин ва ҷамоати банӣ-Исроил ба ӯрдугоҳ, ба даштҳои
Мӯоб, ки назди Урдун, дар рӯ ба рӯи Ериҳӯ буд, оварданд.
[13] Ва Мусо ва Элъозори коҳин ва ҳамаи раисони ҷамоат ба
пешвози онҳо, берун аз ӯрдугоҳ баромаданд.
[14] Ва Мусо бар сардорони лашкар, яъне бар мириҳазорҳо ва
мирисадҳо, ки аз ҷанг омада буданд, дарғазаб шуд,
[15] Ва Мусо ба онҳо гуфт: «Оё ҳамаи занонро зинда ингоҳ доштед+?

16 Инҳо, охир, аз рӯи машварати Билъом, банӣ-Исроилро васваса
дода буданд, ки ба хотири Фаӯр ба Худованд хиёнат кунанд, ва дар
ҷамоати Худованд вабо рӯй дод+.
17 Ва алҳол, ҳар писарбачаро бикушед, ва ҳар занеро, ки бо мард
ҳамхоб шуда бошад, бикушед+.
18 Ва ҳар духтарро, ки бо мард ҳамхоб нашуда бошад, барои худ
ингоҳ доред+.
19 Ва шумо ҳафт рӯз берун аз ӯрдугоҳ хайма занед; ҳар кӣ касеро
кушта бошад, ва ҳар кӣ ба мақтуле расида бошад, аз шумо ва асирони
шумо, дар рӯзи сеюм ва дар рӯзи ҳафтум худро татҳир намояд+.
20 Ва ҳар либос, ва ҳар колои чармин, ва ҳар ашьёи аз пашми буз
сохташуда, ва ҳар колои чӯбинро татҳир намоед».
21 Ва Элъозори коҳин ба ҷанговароне ки ба ҷанг рафта буданд,
гуфт: «Ин аст фаризаи шариат, ки Худованд ба Мусо амр фармудааст:
22 Фақат тилло, нуқра, мис, оҳан, қалъагӣ ва қӯрғошимро,
23 Яъне ҳар чиро, ки ба оташ тоб меоварад, аз оташ бигзаронед, ва
он татҳир хоҳад ёфт, аммо бо оби татҳири нопокӣ низ он бояд татҳир
карда шавад; ва ҳар чиро, ки ба оташ тоб намеоварад, аз об
бигзаронед.
24 Ва либосҳои худро дар рӯзи ҳафтум бишӯед, ва татҳир хоҳед
ёфт, ва баъд аз он метавонед ба ӯрдугоҳ дохил шавед»+.
25 Ва Худованд ба Мусо сухан ронда, гуфт:
26 «Ту ва Элъозори коҳин ва сардорони хонаводаҳо ғанимати
асириро, чи аз одамон, чи аз чорпоён, саросар дар шумор оваред.
27 Ва ин ғаниматро дар миёни ҷанговароне ки ба ҷанг рафтаанд, ва
тамоми ҷамоат ду тақсим намо+.
28 Ва аз ҷанговароне ки ба ҷанг рафтаанд, хироҷ барои Худованд
бигир: як адад аз панҷсад адад — чи аз одамон, чи аз говон, чи аз
харон, чи аз гӯсфандон.
29 Инро аз ҳиссаи онҳо гирифта, ба Элъозори коҳин бидеҳ, то ки
ҳадия барои Худованд бошад.
30 Ва аз ҳиссаи банӣ-Исроил як адад аз панҷоҳ адад — чи аз
одамон, чи аз говон, чи аз харон, чи аз гӯсфандон, яъне аз ҳамаи
чорпоён — бигир, ва онҳоро ба левизодагон, ки хизмати маскани
Худовандро ба ҷо меоваранд, бидеҳ».

31 Ва Мусо ва Элъозори коҳин бар тибқи он чи Худованд ба Мусо
амр фармуда буд, амал карданд.
32 Ва ғанимат, ғайр аз он чи мардони ҷангӣ тороҷ карда буданд,
чунин буд: гӯсфандон — шашсаду ҳафтоду панҷ ҳазор сар;
33 Ва говон — ҳафтоду ду ҳазор сар;
34 Ва харон — шасту як ҳазор сар;
35 Ва одамон, аз заноне ки бо мард ҳамхоб нашудаанд, ҷамъ сию ду
ҳазор нафар.
36 Ва нимае ки ҳиссаи ба ҷанг рафтагон шуда буд, чунин буд:
миқдори гӯсфандон — сесаду сию ҳафт ҳазору панҷсад сар;
37 Ва хироҷи Худованд аз ин гӯсфандон — шашсаду ҳафтоду панҷ
сар;
38 Ва говон — сию шаш ҳазор сар, ва аз онҳо хироҷ барои Худованд
— ҳафтоду ду сар;
39 Ва харон — сӣ ҳазору панҷсад сар, ва аз онҳо хироҷ барои
Худованд — шасту як сар;
40 Ва одамон — шонздаҳ ҳазор нафар, ва аз онҳо хироҷ барои
Худованд — сию ду нафар.
41 Ва Мусо ин хироҷро, ки ҳадия барои Худованд буд, ба Элъозори
коҳин дод, чунон ки Худованд ба Мусо амр фармуда буд.
42 Ва аз ҳиссаи банӣ-Исроил, ки онро Мусо аз мардони ҷангӣ ҷудо
карда буд, —
43 Ин ҳиссаи ҷамоат чунин буд: гӯсфандон — сесаду сию ҳафт
ҳазору панҷсад сар,
44 Ва говон — сию шаш ҳазор,
45 Ва харон — сӣ ҳазору панҷсад сар,
46 Ва одамон — шонздаҳ ҳазор нафар, —
47 Ва Мусо аз ҳиссаи банӣ-Исроил як адад аз панҷоҳ адад — чи аз
одамон, чи аз чорпоён — гирифт, ва онҳоро ба левизодагон, ки
хизмати маскани Худовандро ба ҷо меоварданд, дод, чунон ки
Худованд ба Мусо амр фармуда буд.
48 Ва сардороне ки бар ҳазораҳои лашкар буданд, яъне
мириҳазорҳо ва мирисадҳо, назди Мусо омаданд,
49 Ва ба Мусо гуфтанд: «Бандагонат ҷанговаронеро, ки зердасти мо
мебошанд, саросар дар шумор овардем, ва як нафар ҳам аз онҳо кам
нашудааст;

50 Пас, мо ҳадия барои Худованд овардаем аз он чи ҳар кас аз
колои тилло: занҷирҳо, дастпонаҳо, ангуштаринҳо, ҳалқаҳо ва
гарданбандҳо пайдо кардааст, то ки ҷонҳои моро ба ҳузури Худованд
кафорат намояд»+.
51 Ва Мусо ва Элъозори коҳин тилло, яъне тамоми колои санъатро
аз онҳо гирифтанд.
52 Ва тамоми тиллои ҳадия, ки ба Худованд аз ҷониби
мириҳазорҳо ва мирисадҳо тақдим карданд, шонздаҳ ҳазору
ҳафтсаду панҷоҳ сиқл буд.
53 Ҷанговарон ҳар яке барои худ тороҷ карда буданд+.
54 Ва Мусо ва Элъозори коҳин тиллоро аз мириҳазорҳо ва
мирисадҳо гирифта, ба хаймаи ҷомеъ оварданд, то ки барои банӣ-
Исроил ба ҳузури Худованд ёдгорӣ бошад+.

## Тақсимоти замин дар он тарафи Урдун.

**32** 1 Ва банӣ-Реубен ва банӣ-Ҷод чорвои зиёде доштанд, ки
бағоят сершумор буд; ва онҳо замини Яъзир ва замини
Ҷилъодро диданд, ва инак, ин макон маконест барои чаридани
чорво+.
2 Ва банӣ-Ҷод ва банӣ-Реубен назди Мусо ва Элъозори коҳин ва
раисони ҷамоат омада, гуфтанд:
3 «Аторӯт ва Дибӯн, ва Яъзир ва Нимра, ва Ҳешбӯн ва Элъоле, ва
Сабом ва Набӯ, ва Баӯн,
4 Замине ки Худованд пеши ҷамоати Исроил мағлуб
гардонидааст, заминест барои чаридани чорво, ва бандагонат
чорводор ҳастем»+.
5 Ва гуфтанд: «Агар мо дар назари ту илтифот ёфта бошем, бигзор
ин замин ба бандагонат ҳамчун моликият дода шавад; моро аз Урдун
нагузарон».
6 Ва Мусо ба банӣ-Ҷод ва банӣ-Реубен гуфт: «Наход ки
бародаронатон ба ҷанг раванд, вале шумо дар ин ҷо хоҳед нишаст?
7 Ва чаро дили банӣ-Исроилро аз гузаштан ба замине ки Худованд
ба онҳо додааст, хунук мекунед?
8 Падарони шумо ҳамин тавр амал карданд, вақте ки онҳоро аз
Қодеш-Барнеа барои дидани замин фиристодам:+
9 Онҳо ба водии Эшкӯл расида, заминро диданд, ва дили банӣ-
Исроилро аз омадан ба замине ки Худованд ба онҳо додааст, хунук
карданд.
10 Ва хашми Худованд дар он рӯз аланга зад, ва Ӯ қасам хӯрда
гуфт:+
11 „Ин одамоне ки аз Миср баромадаанд, аз бистола ва болотар,
заминеро, ки Ман дар бораи он ба Иброҳим, Исҳоқ ва Яъқуб қасам
хӯрдаам, нахоҳанд дид, зеро ки онҳо Маро пайравӣ накарданд,+
12 Ғайр аз Колеб ибни Ефуннеи қаниззӣ ва Еҳушаъ ибни Нун,
чунки онҳо Худовандро пайравӣ карданд“+.
13 Ва хашми Худованд бар Исроил аланга зад, ва Ӯ онҳоро чил сол
дар биёбон овора гардонид, то даме ки тамоми он насле ки дар
назари Худованд бадӣ карда буданд, ба ҳалокат расиданд+.

14 Ва инак шумо, дастпарвардагони мардуми хатокор, ба чои
падарони худ бархостаед, то ки шиддати хашми Худовандро бар
Исроил пурзӯр созед.
15 Агар шумо аз пайравии Ӯ даст кашед, Ӯ боз онҳоро дар биёбон
хоҳад мононид, ва шумо тамоми ин қавмро ба ҳалокат хоҳед
расонид».
16 Ва онҳо ба ӯ наздик омада, гуфтанд: «Мо дар ин ҷо оғилҳо барои
чорвои худ ва шаҳрҳо барои кӯдакони худ бино хоҳем кард;
17 Ва худамон зуд мусаллаҳ шуда, пешопеши банӣ-Исроил хоҳем
рафт, то даме ки онҳоро ба маконашон бирасонем; ва кӯдакони мо
бигзор дар шаҳрҳои ҳисордор аз сокинони замин маҳфуз бошанд;+
18 Мо ба хонаҳои худ нахоҳем баргашт, то даме ки банӣ-Исроил
ҳар яке дар мулки худ ҷойгир шаванд;+
19 Зеро ки мо бо онҳо дар он тарафи Урдун ва соҳили он ҳеҷ мулке
нахоҳем гирифт, чунки мулки мо аз ин тарафи Урдун, аз соҳили
шарқии он насиби мо гардидааст»+.
20 Ва Мусо ба онҳо гуфт: «Агар шумо ин корро бикунед, агар
мусаллаҳ шуда, ба ҳузури Худованд ба ҷанг биравед,
21 Ва ҳар яке аз шумо мусаллаҳ шуда ба ҳузури Худованд аз Урдун
убур намояд, то даме ки Ӯ душманонашро аз пеши Худ бадар ронад,
22 Ва замин ба ҳузури Худованд забт карда шавад, ва баъд аз он
баргардед, — он гоҳ ба ҳузури Худованд ва ба ҳузури Исроил бегуноҳ
хоҳед буд, ва ин замин ба ҳузури Худованд мулки шумо хоҳад шуд.
23 Валекин агар чунин накунед, ба ҳузури Худованд гуноҳкор
хоҳед шуд, ва барои ин гуноҳатон ҷазо хоҳед ёфт.
24 Пас, шаҳрҳо барои кӯдакони худ ва оғилҳо барои гӯсфандони
худ бино кунед; ва он чиро, ки аз даҳонатон баромадааст, ба амал
оваред».
25 Ва банӣ-Ҷод ва банӣ-Реубен ба Мусо сухан ронда, гуфтанд:
«Бандагонат execute онҷунон ки оғои мо амр фармудааст, амал хоҳем кард:
26 Кӯдакони мо, занони мо, чорвои мо ва тамоми ҳайвоноти мо ин
ҷо, дар шаҳрҳои Ҷилъод хоҳанд монд;
27 Ва бандагонат саросар ҳамчун ҷанговарон мусаллаҳ шуда, ба
ҳузури Худованд барои ҷанг убур хоҳем кард, чунон ки оғои мо
мегӯяд».

28 Ва Мусо дар бораи онҳо ба Элъозори кохин, Еҳушаъ ибни Нун ва
сардорони хонаводаҳои сибтҳои банӣ-Исроил амр фармуд;
29 Ва Мусо ба онҳо гуфт: «Агар банӣ-Ҷод ва банӣ-Реубен саросар
барои чанг мусаллаҳ шуда, ҳамроҳи шумо ба ҳузури Худованд аз
Урдун убур кунанд, ва замин пеши шумо мағлуб гардад, он гоҳ
замини Ҷилъодро ба онҳо барои моликият бидиҳед;
30 Валекин агар онҳо мусаллаҳ шуда ҳамроҳи шумо убур
накунанд, он гоҳ дар миёни шумо дар замини Канъон мулк хоҳанд
гирифт».
31 Ва банӣ-Ҷод ва банӣ-Реубен ҷавоб гардонида, гуфтанд: «Чунон
ки Худованд ба бандагонат гуфтааст, despite онҷунон хоҳем кард;
32 Мо мусаллаҳ шуда ба ҳузури Худованд ба замини Канъон убур
хоҳем кард, агар мулки насиби мо дар ин тарафи Урдун дода шавад».
33 Ва Мусо ба онҳо, яъне ба банӣ-Ҷод ва банӣ-Реубен ва нисфи
сибти Менашше ибни Юсуф, мамлакати Сиҳӯн, подшоҳи амӯриён, ва
мамлакати Ӯҷ, подшоҳи Бошонро дод, яъне заминро бо шаҳрҳое ки
дар ҳудуди он буд, — бо шаҳрҳои гирду атрофи он.
34 Ва банӣ-Ҷод Дибӯн, ва Аторӯт, ва Арӯэр,
35 Ва Атрӯт-Шӯфон, ва Яъзир, ва Ёҷбеҳо,
36 Ва Байт-Нимра, ва Байт-Ҳоронро бино карданд, ки шаҳрҳои
ҳисордор буд, ва оғилҳо барои гӯсфандон дошт.
37 Ва банӣ-Реубен Ҳешбӯн ва Элъоле, ва Қирьётоим,
38 Ва Набӯ, ва Баал-Маӯн, ки номи ин ду шаҳрро тағьир доданд, ва
Сибморо бино карданд; ва ба шаҳрҳое ки бино карданд, ном
ниҳоданд.
39 Ва банӣ-Мокир ибни Менашше ба Ҷилъод рафта, онро забт
карданд, ва амӯриёнро, ки дар он буданд, бадар ронданд+.
40 Ва Мусо Ҷилъодро ба Мокир ибни Менашше дод, ва ӯ дар он
сокин шуд+.
41 Ва Ёир ибни Менашше рафта, қасабаҳои онҳоро забт кард, ва ба
онҳо деҳоти Ёир ном монд+.
42 Ва Нӯбаҳ рафта, Қанот ва деҳоташро забт кард; ва онро ба номи
худ Нӯбаҳ ном монд.

## Такрори мухтасари ҳикояти сафарҳо аз Миср то Урдун

**33** [1] Ин аст сафарҳои банӣ-Исроил, ки аз Миср бар ҳасби
фавҷҳои худ, бо сардории Мусо ва Ҳорун берун омаданд.
[2] Ва Мусо ҷойҳои баромади онҳоро барои сафарҳошон, ки ба
фармони Худованд ба амал оварданд, навишт; ва ин аст сафарҳои
онҳо бар ҳасби ҷойҳои баромадашон:
[3] Ва онҳо аз Раамсис дар моҳи якум, дар рӯзи понздаҳуми моҳи
якум кӯч карданд; фардои фисҳ банӣ-Исроил бо дасти баланд, пеши
назари ҳамаи мисриён берун омаданд+.
[4] Ва мисриён ҳамаи нахустзодагонро, ки Худованд дар миёни
онҳо кушта буд, гӯр мекарданд; ва бар худоёни онҳо Худованд
доварӣ намуд+.
[5] Ва банӣ-Исроил аз Раамсис кӯч карда, дар Суккӯт ӯрду заданд+.
[6] Ва аз Суккӯт кӯч карда, дар Этом, ки дар канори биёбон аст, ӯрду
заданд+.
[7] Ва аз Этом кӯч карда, ба Фӣ-Ҳаҳирӯт, ки пеши Баал-Сафӯн аст,
баргаштанд, ва пеши Миҷдӯл ӯрду заданд+.
[8] Ва аз Фӣ-Ҳаҳирӯт кӯч карда, аз даруни баҳр ба биёбон убур
карданд; ва дар биёбони Этом се рӯз роҳ паймуда, дар Мора ӯрду
заданд+.
[9] Ва аз Мора кӯч карда, ба Элим расиданд; ва дар Элим дувоздаҳ
чашмаи об ва ҳафтод дарахти хурмо буд, ва дар он ҷо ӯрду заданд+.
[10] Ва аз Элим кӯч карда, назди баҳри Қулзум ӯрду заданд.
[11] Ва аз баҳри Қулзум кӯч карда, дар биёбони Син ӯрду заданд+.
[12] Ва аз биёбони Син кӯч карда, дар Дофқо ӯрду заданд.
[13] Ва аз Дофқо кӯч карда, дар Олуш ӯрду заданд.
[14] Ва аз Олуш кӯч карда, дар Рафидим ӯрду заданд; ва дар он ҷо об
набуд, ки қавм бинӯшанд+.
[15] Ва аз Рафидим кӯч карда, дар биёбони Сино ӯрду заданд+.
[16] Ва аз биёбони Сино кӯч карда, дар Қибрӯт-Ҳатааво ӯрду заданд+.
[17] Ва аз Қибрӯт-Ҳатааво кӯч карда, дар Ҳасирӯт ӯрду заданд+.
[18] Ва аз Ҳасирӯт кӯч карда, дар Ритмо ӯрду заданд.
[19] Ва аз Ритмо кӯч карда, дар Риммӯн-Форас ӯрду заданд.
[20] Ва аз Риммӯн-Форас кӯч карда, дар Либно ӯрду заданд.
[21] Ва аз Либно кӯч карда, дар Риссо ӯрду заданд.

22 Ва аз Риссо кӯч карда, дар Қаҳелото ӯрду заданд.
23 Ва аз Қаҳелото кӯч карда, дар Ҳар-Шофар ӯрду заданд.
24 Ва аз Ҳар-Шофар кӯч карда, дар Ҳародо ӯрду заданд.
25 Ва аз Ҳародо кӯч карда, дар Мақҳелӯт ӯрду заданд.
26 Ва аз Мақҳелӯт кӯч карда, дар Тоҳат ӯрду заданд.
27 Ва аз Тоҳат кӯч карда, дар Тораҳ ӯрду заданд.
28 Ва аз Тораҳ кӯч карда, дар Митқо ӯрду заданд.
29 Ва аз Митқо кӯч карда, дар Ҳашмӯно ӯрду заданд.
30 Ва аз Ҳашмӯно кӯч карда, дар Мӯсирӯт ӯрду заданд.
31 Ва аз Мӯсирӯт кӯч карда, дар Банӣ-Яъқон ӯрду заданд+.
32 Ва аз Банӣ-Яъқон кӯч карда, дар Ҳӯр-Ҳаҷидҷод ӯрду заданд.
33 Ва аз Ҳӯр-Ҳаҷидҷод кӯч карда, дар Ётвото ӯрду заданд+.
34 Ва аз Ётвото кӯч карда, дар Абрӯно ӯрду заданд.
35 Ва аз Абрӯно кӯч карда, дар Эсьйӯн-Ҷобар ӯрду заданд+.
36 Ва аз Эсьйӯн-Ҷобар кӯч карда, дар биёбони Син, ки Қодеш
бошад, ӯрду заданд+.
37 Ва аз Қодеш кӯч карда, дар кӯҳи Ҳӯр, ки дар канори замини
Адӯм аст, ӯрду заданд+.
38 Ва Ҳоруни коҳин бар тибқи фармони Худованд бар кӯҳи Ҳӯр
баромада, дар соли чилуми берун омадани банӣ-Исроил аз замини
Миср, дар моҳи панҷум, дар рӯзи якуми моҳ дар он ҷо вафот ёфт+.
39 Ва Ҳорун саду бисту сесола буд, ки дар кӯҳи Ҳӯр мурд.
40 Ва Канъонӣ, подшоҳи Арод, ки дар ҷануби замини Канъон сокин
буд, аз омадани банӣ-Исроил хабар ёфт+.
41 Ва аз кӯҳи Ҳӯр кӯч карда, дар Салмӯна ӯрду заданд.
42 Ва аз Салмӯна кӯч карда, дар Фунӯн ӯрду заданд.
43 Ва аз Фунӯн кӯч карда, дар Ӯбӯт ӯрду заданд+.
44 Ва аз Ӯбӯт кӯч карда, дар Ийе-Аборим, дар ҳудуди Мӯоб ӯрду
заданд+.
45 Ва аз Ийим кӯч карда, дар Дибӯн-Ҷод ӯрду заданд.
46 Ва аз Дибӯн-Ҷод кӯч карда, дар Алмӯн-Диблотоймо ӯрду заданд.
47 Ва аз Алмӯн-Диблотоймо кӯч карда, дар кӯҳҳои Аборим, пеши
Набӯ ӯрду заданд+.
48 Ва аз кӯҳҳои Аборим кӯч карда, дар даштҳои Мӯоб, назди Урдун,
дар рӯ ба рӯи Ериҳӯ ӯрду заданд+.

[49] Ва назди Урдун, аз Байт-Ешимӯт то Обил-Шиттим, дар даштҳои Мӯоб ӯрду заданд+.

## Дастур дар бораи тасарруфи замин.

[50] Ва Худованд ба Мусо дар даштҳои Мӯоб, назди Урдун, дар рӯ ба рӯи Ериҳӯ сухан ронда, гуфт:

[51] «Ба банӣ-Исроил сухан ронда, ба онҳо бигӯ: вақте ки шумо аз Урдун ба замини Канъон убур намоед,

[52] Ҳамаи сокинони он заминро аз пеши худ бадар биронед, ва ҳамаи ҳайкалҳои нақшини онҳоро нест кунед, ва ҳамаи бутҳои рехтаи онҳоро бишканед, ва ҳамаи баландиҳои онҳоро хароб кунед+.

[53] Ва заминро ба тасарруфи худ даровардa, дар он сокин шавед, зеро ки Ман ин заминро ба шумо додам, то ки онро тасарруф намоед.

[54] Ва заминро ба воситаи қуръа ба қабилаҳои худ ҳамчун мулк тақсим кунед: ба онҳое ки сершуморанд, мулкашонро бештар бидиҳед, ба онҳое ки камшуморанд, мулкашонро камтар бидиҳед; маконе ки мувофиқи қуръа ба касе барояд, аз они вай хоҳад буд; амлокро бар ҳасби сибтҳои падарони худ бигиред+.

[55] Валекин агар шумо сокинони заминро аз пеши худ бадар наронед, касоне ки шумо аз миёни онҳо боқӣ мегузоред, мисли милҳо дар чашмони шумо ва мисли хорҳо дар биқинҳои шумо хоҳанд буд, ва шуморо бар замине ки дар он сокин шудаед, ба танг хоҳанд овард.

[56] Ва чунин воқеъ хоҳад шуд, ки он чи Ман ният доштам бо онҳо бикунам, бо шумо хоҳам кард».

## Тайёриҳо барои дохил шудан ба замини мавъуд.

34 [1] •Ва Худованд ба Мусо сухан ронда, гуфт:
[2] «Ба банӣ-Исроил амр фармуда, ба онҳо бигӯ: вақте ки шумо
ба замини Канъон дохил шавед, ин аст замине ки ба шумо ҳамчун
моликият хоҳад расид, яъне замини Канъон бо сарҳадҳояш:
[3] Тарафи ҷанубии шумо аз биёбони Син дар паҳлуи Адӯм хоҳад
буд; ва сарҳади ҷанубии шумо аз канори баҳри Намак ба тарафи
шарқ хоҳад буд+.
[4] Ва сарҳади шумо аз ҷануб ҷониби Маале-Ақрабим тоб хӯрда, сӯи
Син хоҳад гузашт; ва канорҳои он аз ҷануби Қодеш-Барнеа хоҳад буд,
ва назди Ҳасар-Аддор баромада, сӯи Асмӯн хоҳад гузашт.
[5] Ва аз Асмӯн сарҳад ҷониби водии Миср тоб хоҳад хӯрд; ва
канорҳояш назди баҳр хоҳад буд.
[6] Ва сарҳади ғарбии шумо баҳри Бузург бо соҳили он хоҳад буд; ин
сарҳади ғарбии шумост.
[7] Ва сарҳади шимолии шумо чунин хоҳад буд: аз баҳри Бузург
онро ҷониби кӯҳи Ҳӯр нишона намоед;+
[8] Аз кӯҳи Ҳӯр ҷониби даромадгоҳи Ҳамот нишона намоед; ва
канорҳои сарҳад назди Садод хоҳад буд+.
[9] Ва сарҳад ҷониби Зифрӯн хоҳад рафт, ва канорҳояш назди Ҳасар-
Эйнон хоҳад буд; ин сарҳади шимолии шумо хоҳад буд.
[10] Ва сарҳади шарқиро барои худ аз Ҳасар-Эйнон ҷониби Шафом
нишона намоед.
[11] Ва сарҳад аз Шафом ҷониби Рибло, аз тарафи шарқии Ойин
фурӯд хоҳад омад; ва сарҳад боз фурӯд омада, аз тарафи шарқӣ ба
соҳили баҳри Кинерет хоҳад расид+.
[12] Ва сарҳад ҷониби Урдун фурӯд хоҳад омад; ва канорҳояш назди
баҳри Намак хоҳад буд. Ҳамин замин бар ҳасби сарҳадҳояш
гирдогирд аз они шумо хоҳад буд»+.
[13] Ва Мусо ба банӣ-Исроил амр фармуда, гуфт: «Ҳамин аст замине
ки онро шумо аз рӯи қуръа тақсим хоҳед кард, ки Худованд ба нӯҳу
ним сибт додани онро амр фармудааст.
[14] Зеро ки сибти банӣ-Реубен бар ҳасби хонаводаи худ, ва сибти
банӣ-Ҷод бар ҳасби хонаводаи худ, ва нисфи сибти Менашше мулки

худро гирифтаанд;
[15] Ин дую ним сибт мулки худро аз он тарафи Урдун, дар рӯ ба рӯи
Ериҳӯ, ҷониби шарқ гирифтаанд».
[16] Ва Худованд ба Мусо сухан ронда, гуфт:
[17] «Ин аст номҳои касоне ки заминро барои шумо тақсим хоҳанд
кард: Элъозори коҳин ва Еҳушаъ ибни Нун+.
[18] Ва як раисро аз ҳар сибт барои тақсим кардани замин бигиред.
[19] Ва ин аст номҳои он касон: аз сибти Яҳудо — Колеб ибни
Ефунне;+
[20] Аз сибти банӣ-Шимъӯн — Шамуил ибни Аммиҳуд;
[21] Аз сибти Биньёмин — Элидод ибни Кислӯн;
[22] Аз сибти банӣ-Дон — раис Буққӣ ибни Ёҷлӣ;
[23] Аз банӣ-Юсуф: аз сибти банӣ-Менашше — раис Ҳанниил ибни
Эфӯд;
[24] Аз сибти банӣ-Эфроим — раис Камуил ибни Шифтон;
[25] Аз сибти банӣ-Забулун — раис Элисофон ибни Фарнок;
[26] Аз сибти банӣ-Иссокор — Фалтиил ибни Аззон;
[27] Аз сибти банӣ-Ошер — раис Аҳиҳуд ибни Шалӯмӣ;
[28] Аз сибти банӣ-Нафтолӣ — раис Фадаҳъил ибни Аммиҳуд.
[29] Ҳаминҳоянд, ки Худованд ба онҳо амр фармудааст, ки мулкро
дар замини Канъон барои банӣ-Исроил тақсим кунанд».

## Дар бораи шаҳрҳои гурезгоҳ.

35 [1] •Ва Худованд ба Мусо дар даштҳои Мӯоб, назди Урдун, дар
рӯ ба рӯи Ериҳӯ сухан ронда, гуфт:
[2] «Ба банӣ-Исроил амр фармо, ки аз мулки насиби худ ба
левизодагон шаҳрҳо барои сукунат бидиҳанд; ва ҳаволии шаҳрҳоро
гирдогирди онҳо ба левизодагон бидиҳед.
[3] Шаҳрҳо барои сукунати онҳо хоҳад буд; ва ҳаволии онҳо барои
чорпоёнашон ва молу мулкашон ва тамоми эҳтиёҷоти ҳаёташон
хоҳад буд.
[4] Ва ҳаволии шаҳрҳо, ки шумо ба левизодагон медиҳед, бояд аз
девори шаҳр ба беруни он ҳазор зироъ гирдогирд бошад.
[5] Ва аз беруни шаҳр ба тарафи шарқ ду ҳазор зироъ, ва ба тарафи
ҷануб ду ҳазор зироъ, ва ба тарафи ғарб ду ҳазор зироъ, ва ба тарафи
шимол ду ҳазор зироъ чен кунед, ва шаҳр дар миёна бошад; ин
барояшон ҳаволии шаҳрҳо хоҳад буд.
[6] Ва аз шаҳрҳое ки шумо ба левизодагон медиҳед, шаш шаҳри
гурезгоҳ хоҳад буд, ки онҳоро шумо барои қотил ҷудо мекунед, то ки
вай ба он ҷо бигрезад; ва ба иловаи онҳо чилу ду шаҳр бидиҳед+.
[7] Ҳамаи шаҳрҳое ки шумо ба левизодагон бояд бидиҳед, чилу
ҳашт шаҳр бо ҳаволии онҳо хоҳад буд.
[8] Ва ҳангоме ки шаҳрҳоро аз мулки банӣ-Исроил медиҳед, аз
сершумор бештар ва аз камшумор камтар бигиред: ҳар яке мувофиқи
андозаи мулке ки мегирад, бояд аз шаҳрҳои худ ба левизодагон
бидиҳад».

[9] •Ва Худованд ба Мусо сухан ронда, гуфт:

[10] «Ба банӣ-Исроил сухан ронда, ба онҳо бигӯ: ҳангоме ки шумо аз
Урдун ба замини Канъон убур кунед, —
[11] Шаҳрҳое барои худ таъин намоед, ки шаҳрҳои гурезгоҳ барои
шумо бошад, ва қотиле ки касеро саҳван куштааст, ба он ҷо
бигрезад+.
[12] Ва ин шаҳрҳо барои шумо гурезгоҳ аз хунхоҳ хоҳад буд, то ки
қотил намирад пеш аз он ки ба ҳузури ҷамоат барои мурофиа
биистад.

[13] Аз шаҳрҳое ки шумо медиҳед, шаш шаҳри гурезгоҳ бояд
бароятон бошад.
[14] Се шаҳр аз ин тарафи Урдун бидиҳед, ва се шаҳр дар замини
Канъон бидиҳед; онҳо бояд шаҳрҳои гурезгоҳ бошад.
[15] Барои банӣ-Исроил, ва барои ғариб, ва барои сокини доимие ки
дар миёни онҳост, ин шаш шаҳр гурезгоҳ хоҳад буд, то ҳар кӣ саҳван
касеро куштааст, ба он ҷо бигрезад.
[16] Агар шахсе касеро бо олати оҳанин бизанад, ва он кас бимирад,
вай қотил аст; ин қотил бояд ба қатл расонида шавад.
[17] Ва агар вай ба дасти худ санге гирифта бизанад, — санге ки кас
аз зарбаи он метавонад кушта шавад, — ва он кас бимирад, вай қотил
аст; ин котил бояд ба қатл расонида шавад.
[18] Ё ки агар вай ба дасти худ олати чӯбине гирифта бизанад, —
олати чӯбине ки кас аз зарбаи он метавонад кушта шавад, — ва он кас
бимирад, вай қотил аст; ин қотил бояд ба қатл расонида шавад.
[19] Хунхоҳ худаш метавонад қотилро ба қатл расонад; ҳар гоҳ ба
вай дучор ояд, худаш метавонад варо ба қатл расонад.
[20] Агар шахсе аз рӯи хусумат касеро такон бидиҳад, ё қасдан бар ӯ
чизе партояд, ва он кас бимирад,
[21] Ё аз рӯи адоват бо дасти худ ӯро бизанад, ва он кас бимирад, —
он зананда бояд ба қатл расонида шавад; вай қотил аст; хунхоҳ
метавонад қотилро ба қатл расонад, вақте ки ба вай дучор ояд.
[22] Вале агар нохост, бидуни адоват ӯро такон бидиҳад, ё ҳар
чизеро бидуни қасд бар ӯ партояд,+
[23] Ё ҳар сангеро, ки кас аз зарбаи он метавонад кушта шавад,
нодида бар ӯ биғалтонад, ва он кас бимирад, ва ҳол он ки вай
душмани ӯ набуд ва намехост ба ӯ осебе бирасонад, —
[24] Пас, ҷамоат бояд дар миёни он зананда ва хунхоҳ бар тибқи ин
дастурот доварӣ намоянд;
[25] Ва ҷамоат бояд қотилро аз дасти хунхоҳ халос кунанд, ва ҷамоат
бояд варо ба шаҳри гурезгоҳи вай, ки ба он ҷо гурехта буд,
баргардонанд, то ки вай дар он ҷо то вақти вафот ёфтани саркоҳине
ки бо равғани муқаддас тадҳин карда шудааст, сокин бошад+.
[26] Ва агар қотил аз ҳудуди шаҳри гурезгоҳи худ, ки ба он ҷо
гурехта буд, берун ояд,

27 Ва хунхоҳ варо берун аз худуди шаҳри гурезгоҳи вай биёбад, ва
хунхоҳ қотилро бикушад, — айби хунрезӣ ба гардани ӯ нахоҳад буд;
28 Зеро ки вай мебоист то вақти вафот ёфтани саркоҳин дар шаҳри
гурезгоҳи худ мемонд; фақат баъд аз вафоти саркоҳин қотил
метавонад ба замини мулки худ баргардад.
29 Бигзор ин барои шумо дар наслҳои шумо, дар ҳамаи масканҳои
шумо фаризаи қонун бошад.
30 Ҳар кӣ касеро бикушад, қотил бояд дар асоси гувоҳии шоҳидон
кушта шавад; вале як шоҳид наметованд барои куштани касе гувоҳӣ
диҳад+.
31 Ва дар ивази ҷони қотил, ки вай шарири сазовори мурдан аст,
фидия нагиред, балки вай бояд ҳатман ба қатл расонида шавад+.
32 Ва аз касе ки ба шаҳри гурезгоҳи худ гурехтааст, фидия нагиред,
то ки вай тавонад пеш аз вафоти саркоҳин баргашта, дар замини худ
сокин шавад.
33 Ва заминеро, ки шумо дар он сукунат доред, палид накунед,
зеро ки хун заминро палид мекунад; ва замин барои хуне ки дар он
рехта шудааст, кафорат намеёбад, магар бо хуни касе ки онро
рехтааст+.
34 Ва заминеро, ки шумо дар он сукунат доред, ва Ман дар он сокин
ҳастам, наҷис нагардонед; зеро Ман, ки Худованд ҳастам, дар миёни
банӣ-Исроил сукунат дорам»+.

## Дар бораи тартиби гирифтани мерос.

36 1 •Ва сардорони хонаводаҳои қабилаи банӣ-Ҷилъод ибни
Мокир ибни Менашше, ки аз қабилаҳои банӣ-Юсуф буданд,
наздик омада, ба ҳузури Мусо ва ба ҳузури раисон, сардорони
хонаводаҳои банӣ-Исроил сухан ронданд,
2 Ва гуфтанд: «Худованд ба оғон мо амр фармудааст, ки заминро
бо қуръа тақсим карда, ба тасарруфи банӣ-Исроил бидиҳад; ва ба
оғон мо аз ҷониби Худованд амр фармуда шудааст, ки мулки
бародарамон Салофҳодро ба духтарони вай бидиҳад.
3 Ва агар онҳо ба яке аз писарони сибтҳои дигари банӣ-Исроил
завҷа шаванд, мулки онҳо аз мулки падарони мо бурида гирифта
мешавад, ва ба мулки сибте ки онҳо ба он дохил хоҳанд шуд, илова
мегардад, ва мулки мо, ки аз рӯи қуръа гирифтаем, кам мемонад.
4 Ва ҳатто вақте ки юбили банӣ-Исроил фаро расад, мулки онҳо ба
мулки сибте ки онҳо ба он дохил хоҳанд шуд, илова мегардад; ва аз
мулки сибти падарони мо мулки онҳо бурида гирифта мешавад»+.
5 Ва Мусо бар тибқи каломи Худованд ба банӣ-Исроил амр
фармуда, гуфт: «Сибти банӣ-Юсуф дуруст мегӯянд.
6 Ин аст он чи Худованд дар ҳаққи духтарони Салофҳод амр
фармуда гуфтааст: „Онҳо метавонанд ба ҳар марде ки ба назарашон
писанд ояд, завҷа шаванд, аммо фақат дар қабилаи сибти падари худ
бояд завҷа шаванд,
7 То ки мулки банӣ-Исроил аз сибте ба сибте нагузарад; зеро ки
ҳар яке аз банӣ-Исроил бояд бо мулки сибти падарони худ вобаста
бошанд+.
8 Ва ҳар духтаре ки мулкеро аз сибтҳои банӣ-Исроил мерос
мегирад, бояд ба яке аз қабилаи сибти падарони худ завҷа шавад, то
ки ҳар яке аз банӣ-Исроил мулки падарони худро мерос гиранд,+
9 Ва мулк аз як сибт ба сибти дигар нагузарад, балки ҳар яке аз
сибтҳои банӣ-Исроил ба мулки худ вобаста бошанд“».
10 Пас, чунон ки Худованд ба Мусо амр фармуд, духтарони
Салофҳодончунон амал карданд.
11 Ва духтарони Салофҳод — Маҳло, Тирсо, Ҳоҷло, Милко ва Нӯо ба
писарони амакҳои худ завҷа шуданд.

12 Дар қабилаҳои банӣ-Менашше ибни Юсуф онҳо завҷа шуданд; ва
мулки онҳо дар сибти қабилаи падарашон боқӣ монд.
13 Ин аст аҳком ва дастуроте ки Худованд ба воситаи Мусо дар
даштҳои Мӯоб, назди Урдун, дар рӯ ба рӯи Ериҳӯ ба банӣ-Исроил амр
фармудааст.

---

* 6:2 **Назир** — шахсе ки кайфу сафои зиндагиро (масалан шаробнӯшӣ ва ҳоказоро) тарк карда, дар покӣ ва қудсият умр мегузаронад.

* 11:3 Сӯхтор.

* 11:34 Қабрҳои булҳавасон.

* 13:17 Қисми ҷанубии замини Канъон.

* 13:24 Хӯшаи ангур.

* 15:20 **Ҳалло** — як порча хамир ба андозаи кулчае.

* 15:38 **Сисит** — шилшилае ки аз чандин ришта бофта мешавад.

* 20:13 Низоъ.

* 21:3 Торумор.

* 21:16 Чоҳ.

---

+ 1:1 Хур. 19:1, Хур. 25:22

+ 1:2 Хур. 30:12-14, Хур. 38:26, Ад. 26:2, 2 Подш. 24:1, 1 Вак. 21:2

+ 1:5 Ад. 7:30

+ 1:6 Ад. 7:36

+ 1:7 Хур. 6:23, Рут 4:20, 1 Вак. 2:10

+ 1:8 Ад. 7:18

+ 1:9 Ад. 7:24

+ 1:10 Ад. 7:48

+ 1:11 Ад. 7:60

+ 1:12 Ад. 7:66

+ 1:13 Ад. 7:72

+ 1:14 Ад. 7:42

+ 1:15 Ад. 7:78

+ 1:21 Ад. 26:7

+ 1:23 Ад. 26:14

+ 1:25 Ад. 26:18

+ 1:27 Ад. 26:22

+ 1:29 Ад. 26:25

+ 1:31 Ад. 1:27

+ 1:33 Ад. 26:37

+ 1:35 Ад. 26:34

+ 1:37 Ад. 26:41

+ 1:39 Ад. 26:43

+ 1:41 Ад. 26:47

+ 1:43 Ад. 26:50

+ 1:46 Хур. 38:26, Ад. 26:51

+ 1:53 Ад. 8:19, Ад. 16:46, Ад. 18:5, 1 Вақ. 9:27

+ 2:3 Ад. 1:7

+ 2:9 Ад. 10:14

+ 2:16 Ад. 10:18-20

+ 2:17 Ад. 10:17, Ад. 10:21

+ 2:24 Ад. 10:22-24

+ 2:31 Ад. 10:25-27

+ 2:32 Хур. 38:26, Ад. 1:46, Ад. 26:51

+ 2:33 Ад. 1:47-53

+ 3:2 Хур. 6:23

+ 3:4 Иб. 10:2, 1 Вақ. 24:2

+ 3:6 Ад. 18:2

+ 3:9 Ад. 8:19, Ад. 18:6

+ 3:10 Ад. 16:40, 2 Вақ. 26:18

+ 3:13 Хур. 13:2, Хур. 13:11-16

+ 3:17 Ҳас. 46:11, Хур. 6:16-19, Хур. 10:2

+ 3:18 1 Вақ. 6:17, 1 Вақ. 23:7

+ 3:19 1 Вақ. 6:2, 1 Вақ. 6:18, 1 Вақ. 23:12

+ 3:20 1 Вақ. 6:19, 1 Вақ. 23:21

+ 3:23 Ад. 1:53

+ 3:25 Ад. 4:24-26

+ 3:27 1 Вақ. 26:23

+ 3:31 Ад. 4:4, Ад. 4:15

+ 3:32 Ад. 4:16

+ 3:36 Ад. 4:31-32

+ 3:39 Ад. 26:62

+ 3:47 Хур. 13:13, Ад. 18:15-16, Хур. 30:13

+ 4:3 Ад. 8:24-25, 1 Вақ. 23:3, 1 Вақ. 23:24, 1 Вақ. 23:27

+ 4:6 Хур. 25:5

+ 4:15 2 Подш. 6:6-7, 1 Вақ. 13:9-10

+ 4:16 Ад. 3:32

+ 4:20 1 Подш. 6:19

+ 4:24 Ад. 3:25-26

+ 4:31 Ад. 3:36-37

+ 5:2 Иб. 13:3, Иб. 15:2, Иб. 13:46

+ 5:3 Иб. 15:31

+ 5:6 Иб. 6:2-3

+ 5:7 Иб. 5:5, Иб. 6:5

+ 5:13 Хур. 20:14, Иб. 18:20

+ 5:15 Иб. 5:11

+ 5:22 Заб. 108:18

+ 6:2 Дов. 13:5, Ом. 2:11-12

+ 6:5 Ҳиз. 44:20

+ 6:6 Иб. 21:11

+ 6:10 Иб. 1:14, Иб. 5:7

+ 6:14 Иб. 3:6, Иб. 4:32

+ 6:15 Иб. 2:4

+ 6:19 Хур. 29:23-24

+ 6:20 Иб. 7:31

+ 6:23 Иб. 9:23, Так. Шар. 21:5, 1 Вақ. 23:13

+ 6:24 Заб. 120:8, Заб. 133:3

+ 6:25 Заб. 4:7, Заб. 30:17, Заб. 66:2, Заб. 79:4, Заб. 79:8, Заб. 79:20, Заб. 118:135

+ 7:1 Хур. 40:17, Иб. 8:10

+ 7:7 Ад. 4:25

+ 7:8 Ад. 4:31

+ 7:9 Ад. 3:31

+ 7:12 Хур. 6:23, Ад. 1:7

+ 7:14 Хур. 30:34-35

+ 7:15 Иб. 1:2-3

+ 7:16 Иб. 4:23-24

+ 7:17 Иб. 3:1

+ 7:18 Ад. 1:8

+ 7:24 Ад. 1:9

+ 7:30 Ад. 1:5

+ 7:36 Ад. 1:6

+ 7:42 Ад. 1:14

+ 7:48 Ад. 1:10, 1 Вақ. 7:26-27

+ 7:54 Ад. 1:10

+ 7:60 Ад. 1:11

+ 7:66 Ад. 1:12

+ 7:72 Ад. 1:13

+ 7:78 Ад. 1:15

+ 7:89 Хур. 25:22

+ 8:7 Ад. 19:9, Ад. 19:17

+ 8:8 Иб. 2:1

+ 8:14 Ад. 3:45

+ 8:16 Хур. 13:2, Хур. 13:11-16

+ 8:19 Ад. 3:9, Ад. 1:53

+ 8:24 Ад. 4:3, 1 Вақ. 23:24, 1 Вақ. 23:27

+ 9:2 Хур. 12:1, Иб. 23:5

+ 9:6 Иб. 21:1, Ад. 5:2

+ 9:11 Хур. 12:6, 2 Вақ. 30:2

+ 9:12 Хур. 12:46, Юх. 19:36

+ 9:14 Хур. 12:48-49

+ 9:15 Хур. 13:21, Хур. 40:17

+ 9:17 Хур. 40:36

+ 10:3 Юил 2:15

+ 10:5 Ад. 2:3-9

+ 10:6 Ад. 2:10-16

+ 10:8 1 Вақ. 15:24

+ 10:9 Ад. 31:6, 2 Вақ. 13:12, 2 Вақ. 13:14

+ 10:10 Ад. 29:1, Заб. 80:4, Ад. 28:11-15

+ 10:12 Ҳас. 21:21

+ 10:14 Ад. 2:9, Ад. 1:7-9

+ 10:17 Ад. 2:17

+ 10:18 Ад. 2:10-16

+ 10:21 Ад. 4:4-15, Ад. 7:9

+ 10:22 Ад. 2:18-24

+ 10:25 Ад. 2:25-31

+ 10:29 Хур. 2:18, Ҳас. 12:7, Ҳас. 32:12

+ 10:32 Дов. 1:16

+ 10:34 Хур. 13:21

+ 10:35 Заб. 67:2, Иш. 33:10

+ 11:1 Иб. 10:2, Ад. 16:35

+ 11:2 Яъқ. 5:16

+ 11:4 Хур. 12:38, 1 Қӯр. 10:6

+ 11:6 Ад. 21:5

+ 11:8 Хур. 16:13, Хур. 16:15-31

+ 11:14 Хур. 18:18, Так. Шар. 1:9

+ 11:15 Юн. 4:3

+ 11:16 Хур. 24:1, Так. Шар. 1:15

+ 11:17 4 Подш. 2:9, Наҳ. 9:20

+ 11:18 Хур. 19:10

+ 11:21 Хур. 12:37

+ 11:23 Иш. 50:2, Иш. 59:1, Ад. 23:19, Ҳиз. 12:25

+ 11:31 Хур. 16:13

+ 11:35 Ад. 33:17

+ 12:6 Ҳас. 46:2, Дон. 8:2

+ 12:7 Ибр. 3:2, Ибр. 3:5

+ 12:8 Хур. 33:11, Хур. 33:19

+ 12:10 Иб. 13:3

+ 12:14 Иб. 13:46, Ад. 5:2

● 12:16 *Так. Шар. 1:19-25*

+ 12:16 Ад. 10:12, Ҳас. 21:21

+ 13:2 Ех. 3:12

+ 13:3 Ад. 32:8, Так. Шар. 1:22

+ 13:6 Ад. 13:30

+ 13:16 Ад. 11:28, Ад. 14:6

+ 13:22 Ех. 15:14, Дов. 1:10, Заб. 77:12, Заб. 77:43, Иш. 19:11, Иш. 30:4

+ 13:23 Ад. 32:9, Так. Шар. 1:24-25

+ 13:29 Хур. 17:8

+ 13:30 Ад. 13:6, Ад. 14:6, Ад. 26:65, Ад. 32:12, Ад. 34:19, Так. Шар. 1:36, Ех. 14:6-15, Ех. 15:13-19, Дов. 1:12-15, 1 Вақ. 2:9, 1 Вақ. 2:18

+ 13:31 Ех. 14:8

+ 13:32 Ҳиз. 36:12

+ 13:33 Ҳас. 6:4, Иш. 40:22

● 14:1 *Так. Шар. 1:26-32*

+ 14:2 Хур. 16:3, Ад. 20:3

+ 14:4 Наҳ. 9:17

+ 14:5 Ад. 16:4, Ад. 16:22, Ад. 16:45, Ад. 20:6, Еҳ. 7:6

+ 14:6 Хур. 24:13, Ад. 11:28, Ад. 13:30, Марқ. 14:63, Аъм. 14:14

+ 14:9 Рум. 8:31

+ 14:10 Хур. 17:4

+ 14:12 Хур. 32:10

+ 14:14 Хур. 15:14-15

+ 14:16 Так. Шар. 9:28

+ 14:17 Хур. 34:6, Хур. 20:5, Так. Шар. 5:9

● 14:20 *Так. Шар. 1:34-40*

+ 14:21 Заб. 71:19, Иш. 6:3, Иш. 11:9, Ҳаб. 2:14

+ 14:23 Так. Шар. 12:9-10, Заб. 94:11

+ 14:24 Ад. 13:29, Ад. 14:6, Еҳ. 14:10

+ 14:29 Ибр. 3:17, Ад. 1:2-3

+ 14:30 Ад. 26:64-65

+ 14:33 Так. Шар. 1:3, Так. Шар. 8:2

+ 14:34 Ҳиз. 4:5-6

+ 14:38 Ад. 26:65

● 14:39 *Так. Шар. 1:40-46*

+ 14:43 Ад. 13:29

+ 14:45 Ад. 21:3, Дов. 1:17

+ 15:3 Хур. 29:18, Иб. 1:2-3, Иб. 22:21, Хур. 23:14

+ 15:8 Иб. 3:1

+ 15:10 Иб. 1:9

+ 15:15 Хур. 12:49, Иб. 19:34, Иб. 24:22, Так. Шар. 10:19

+ 15:19 Еҳ. 5:11-12

+ 15:22 Иб. 4:2, Иб. 4:27, Иб. 5:15

+ 15:24 Иб. 4:13

+ 15:27 Иб. 4:27-28

+ 15:29 Ад. 15:15

+ 15:30 Ибр. 10:26

+ 15:32 Хур. 35:3

+ 15:34 Иб. 24:12

+ 15:35 Хур. 31:14, Иб. 24:14-16

+ 15:38 Так. Шар. 22:12, Мат. 23:5

+ 15:40 Иб. 11:44

+ 15:41 Иб. 22:33

● 16:1 *Заб. 105:16-18*

+ 16:1 Хур. 6:16, Хур. 6:18, Хур. 6:21

+ 16:3 Хур. 19:6

+ 16:4 Ад. 14:5

+ 16:5 2 Тим. 2:19

+ 16:7 Иб. 10:1

+ 16:9 Ад. 8:14

+ 16:11 Хур. 16:7-8

+ 16:13 Хур. 2:14

+ 16:15 1 Подш. 12:3

+ 16:21 Хур. 33:5

+ 16:22 Ад. 14:5, Ад. 27:16, Айюб 12:10, Воиз 12:7, Зак. 12:1, Аъм. 17:28, Ҳас. 18:23

+ 16:26 2 Тим. 2:19

+ 16:29 3 Подш. 22:28

+ 16:30 Заб. 54:16

+ 16:33 Мас. 1:12

+ 16:35 Иб. 10:2, Ад. 11:1

+ 16:40 Ад. 3:10, 2 Вак. 26:18

+ 16:45 Хур. 33:5, Ад. 14:5

+ 16:46 Иб. 16:12, Ад. 1:53

+ 16:48 Ад. 25:8, 2 Подш. 24:25

+ 17:4 Хур. 25:22

+ 17:8 Ибр. 9:4

+ 18:1 Хур. 28:38

+ 18:2 Ад. 3:6-10

+ 18:5 Ад. 1:53

+ 18:7 Хур. 26:31, Иб. 16:2, Ад. 1:51

+ 18:8 Иб. 7:32, Ад. 5:9, Хур. 29:28

+ 18:11 Иб. 22:2, Иб. 22:3, Иб. 22:11-13

+ 18:12 Так. Шар. 18:4

+ 18:13 Хур. 23:19

+ 18:14 Иб. 27:21, Иб. 27:28

+ 18:15 Хур. 13:2, Хур. 13:11-16, Ад. 3:46-47

+ 18:16 Хур. 30:13

+ 18:17 Хур. 13:2, Хур. 13:11-16

+ 18:18 Хур. 29:26-28

+ 18:19 Иб. 2:13, 2 Вак. 13:5

+ 18:20 Так. Шар. 10:9, Так. Шар. 12:12, Так. Шар. 14:27, Так. Шар. 18:1-2, Еҳ. 13:33, Еҳ. 14:3, Еҳ. 18:7, Ҳиз. 44:28

+ 18:21 Иб. 27:30, Так. Шар. 14:22

+ 18:26 Наҳ. 10:38

+ 19:2 Так. Шар. 21:3, 1 Подш. 6:7

+ 19:4 Иб. 4:16-17

+ 19:5 Хур. 29:14, Иб. 4:11-12, Иб. 9:11

+ 19:6 Хур. 12:22, Иб. 14:4

+ 19:7 Иб. 11:25

+ 19:9 Ад. 8:7

+ 19:10 Иб. 11:25

+ 19:12 Ад. 31:19

+ 19:13 Иб. 15:31

+ 19:15 Иб. 11:32

+ 19:18 Хур. 12:22

+ 19:19 Иб. 11:25

+ 19:20 Иб. 15:31

+ 19:22 Ҳач. 2:13

+ 20:1 Хур. 15:20

+ 20:2 Хур. 17:1-7

+ 20:3 Хур. 16:3, Ад. 14:2

+ 20:6 Ад. 14:5

+ 20:10 Заб. 105:33

+ 20:12 Ад. 27:14, Так. Шар. 31:2

+ 20:14 Ҳас. 25:24-26, Так. Шар. 2:4

+ 20:15 Ҳас. 46:6-7, Хур. 1:11

+ 20:16 Хур. 2:23, Хур. 3:7, Хур. 14:19

+ 20:17 Ад. 21:22, Так. Шар. 2:27

+ 20:19 Так. Шар. 2:28

+ 20:21 Дов. 11:16-17

+ 20:22 Ад. 33:37

+ 20:24 Ад. 20:12

+ 20:26 Хур. 28:2, Хур. 29:29

+ 20:28 Ад. 33:38-39, Так. Шар. 10:6

+ 20:29 Так. Шар. 34:8

+ 21:1 Ад. 33:40

+ 21:2 Иб. 27:29, Так. Шар. 7:2, Дов. 11:30-31, Ҳас. 28:20

+ 21:4 Дов. 11:18

+ 21:5 Ад. 11:4-6, Ад. 11:20

+ 21:9 4 Подш. 18:4, Юҳ. 3:14

+ 21:10 Ад. 33:43

+ 21:11 Ад. 33:44

+ 21:12 Так. Шар. 2:13

+ 21:13 Ад. 22:36, Дов. 11:18

+ 21:15 Так. Шар. 2:9, Так. Шар. 2:18, Так. Шар. 2:29, Иш. 15:1

● 21:21 *Так. Шар. 2:24, Дов. 11:19-22*

+ 21:22 Ад. 20:17, Ад. 20:19

+ 21:24 Так. Шар. 3:16, Еҳ. 12:2, Дов. 11:13

+ 21:28 Ирм. 48:45-46

+ 21:29 Дов. 11:24, Рут 1:15, 3 Подш. 11:7, 4 Подш. 23:13, Ирм. 48:7

+ 21:30 Ад. 32:3, Еҳ. 13:17, Иш. 15:2, Ирм. 48:18, 1 Вақ. 19:7, Иш. 15:2

+ 21:32 Ад. 32:1, Еҳ. 13:25, 2 Подш. 24:5, Ирм. 48:32

+ 21:33 Еҳ. 13:12

+ 21:34 Так. Шар. 3:1-2

+ 22:2 Дов. 11:25, Хур. 15:15, Айюб 40:10

+ 22:5 Так. Шар. 23:4

+ 22:6 Еҳ. 24:9, Наҳ. 13:2, Мик. 6:5

+ 22:18 3 Подш. 13:8, 3 Подш. 22:14

+ 22:23 Еҳ. 5:13

+ 22:36 Ад. 21:13, Ад. 21:15

+ 22:38 Ом. 3:8

+ 23:1 Айюб 42:8, 1 Вақ. 15:26

+ 23:8 Мас. 26:2

+ 23:9 Так. Шар. 33:28, Хур. 33:16

+ 23:10 Ҳас. 13:16

+ 23:19 Ҳуш. 11:9, 1 Подш. 15:29, 2 Тим. 2:13, Тит. 1:1-2, Мал. 3:6

+ 23:22 Ад. 24:8

+ 23:23 Заб. 43:1

+ 23:24 Ҳас. 49:9, Ҳас. 49:27

+ 24:2 Ад. 11:25, Дов. 3:10, 1 Подш. 10:10, 1 Подш. 16:13, 1 Подш. 19:20, 2 Вак. 15:1, 2 Вак. 20:14, 2 Вак. 24:20

+ 24:8 Ад. 23:22

+ 24:9 Ҳас. 49:9, Ҳас. 12:3, Ҳас. 27:29

+ 24:10 Так. Шар. 23:5

+ 24:17 Мат. 2:2, Ваҳй 22:16, Ҳас. 49:10, Ирм. 48:45

+ 24:18 2 Подш. 8:14

+ 24:20 Ҳас. 36:12, Хур. 17:8

+ 24:21 Ҳас. 15:19, Дов. 1:16, Дов. 4:11, Дов. 5:24, 1 Подш. 15:6, 1 Подш. 27:10, 1 Подш. 30:29, 1 Вақ. 2:55, 1 Вақ. 21:28-29, Ирм. 49:16

+ 24:24 Дон. 11:30, Ҳас. 10:21, Ҳас. 10:25

+ 25:1 Ад. 33:49, Еҳ. 2:1, Еҳ. 3:1

+ 25:2 Хур. 34:15

+ 25:3 Ад. 31:16, Ех. 22:17, Заб. 105:28-29, Ҳуш. 9:10

+ 25:4 Так. Шар. 4:3, Так. Шар. 21:22

+ 25:7 Хур. 6:25

+ 25:8 Заб. 105:30, Ад. 16:48, 2 Подш. 24:25

+ 25:12 Иш. 54:10, Ҳиз. 34:25, Ҳиз. 37:26, Ҳуш. 2:18

+ 25:13 1 Вақ. 6:4-15

+ 25:15 Ад. 31:8

+ 25:17 Ад. 31:2, Ад. 31:7

+ 26:2 Хур. 30:12-14, Хур. 38:26, Ад. 1:2, Ад. 1:3, 2 Подш. 24:1, 1 Вақ. 21:2

+ 26:5 Хур. 6:14, 1 Вақ. 5:1-3

+ 26:6 Ҳас. 46:8-9

+ 26:7 Ад. 1:21

+ 26:9 Ад. 16:1-2

+ 26:10 Ад. 16:31-35

+ 26:11 Хур. 6:24

+ 26:12 Ҳас. 46:10, Хур. 6:15, 1 Вақ. 4:24

+ 26:14 Ад. 1:23

+ 26:15 Ҳас. 46:16

+ 26:18 Ад. 1:25

+ 26:19 Ҳас. 38, Ҳас. 46:12, 1 Вақ. 2:3-5

+ 26:22 Ад. 1:27

+ 26:23 Ҳас. 46:13, 1 Вақ. 7:1

+ 26:25 Ад. 1:29

+ 26:26 Ҳас. 46:14

+ 26:27 Ад. 1:31

+ 26:28 Ҳас. 46:20

+ 26:29 1 Вақ. 7:14-19

+ 26:33 Ад. 27:1-7

+ 26:34 Ад. 1:35

+ 26:35 1 Вақ. 7:20-27

+ 26:37 Ад. 1:33

+ 26:38 Ҳас. 46:21, 1 Вақ. 7:6-12, 1 Вақ. 8:1-5

+ 26:41 Ад. 1:37

+ 26:42 Ҳас. 46:23

+ 26:43 Ад. 1:39

+ 26:44 Ҳас. 46:17, 1 Вақ. 7:30-40

+ 26:47 Ад. 1:41

+ 26:48 Ҳас. 46:24, 1 Вақ. 7:13

+ 26:50 Ад. 1:43

+ 26:51 Ад. 1:46

+ 26:53 Ех. 11:23

+ 26:54 Ад. 33:54

● *26:57 Хур. 6:16-25, 1 Вақ. 6:1-3, 1 Вақ. 6:16-30*

+ 26:60 Хур. 6:23-25

+ 26:61 Иб. 10:2

+ 26:62 Ад. 3:39

+ 26:65 Ад. 14:28-30

● 27:1 *Ад. 36:1-12*

+ 27:1 Ад. 26:33, Ех. 17:3-4

+ 27:3 Ад. 16:1-35, Ад. 16:49

+ 27:4 Айюб 42:15

+ 27:11 Рут 4:3-6, Ирм. 32:6-9

+ 27:12 Так. Шар. 3:27, Так. Шар. 32:49

+ 27:13 Ад. 20:24

+ 27:14 Ад. 20:12-13

+ 27:16 Ад. 16:22

+ 27:17 3 Подш. 22:17, Ҳиз. 34:5, Зак. 10:2, Мат. 9:36, Марқ. 6:34

+ 27:18 Хур. 24:13

+ 27:19 Так. Шар. 3:28, Так. Шар. 31:14

+ 27:20 Ех. 1:16-18

● 28:1 *Хур. 29:38-42*

+ 28:2 Иб. 3:11, Иб. 21:6, Иб. 1:9

+ 28:10 Ҳиз. 46:4-5

+ 28:11 Ад. 10:10

● 28:16 *Хур. 13:3-7, Иб. 23:5-8, Так. Шар. 16:1-8*

+ 28:16 Хур. 12:1-13

+ 28:17 Хур. 23:15

● 28:26 *Так. Шар. 16:9-12*

+ 29:1 Иб. 23:23-25

+ 29:7 Иб. 16:29-31, Иб. 23:27-32

● 29:12 *Иб. 23:33-43, Так. Шар. 16:13-15*

+ 29:12 Эзр. 3:4

+ 29:39 Иб. 7:16

+ 30:3 Иб. 5:4, Так. Шар. 23:21, Заб. 49:14, Воиз 5:3

+ 31:2 Ад. 25:17

+ 31:6 Ад. 10:9

+ 31:8 Ад. 25:15, Еҳ. 13:21

+ 31:15 1 Подш. 15:3

+ 31:16 Ад. 25:1-5

+ 31:17 Дов. 21:11

+ 31:18 Так. Шар. 21:10-14

+ 31:19 Ад. 19:12, Ад. 19:22

+ 31:24 Иб. 11:25, Ад. 19:10

+ 31:27 Еҳ. 22:8, 1 Подш. 30:24

+ 31:50 Хур. 30:12

+ 31:53 Так. Шар. 20:14

+ 31:54 Хур. 30:16

+ 32:1 Ад. 21:32

+ 32:4 Ад. 21:24, Ад. 21:35

+ 32:8 Ад. 13:2-3, Ад. 13:20-32

+ 32:10 Так. Шар. 1:34-36

+ 32:11 Ад. 14:29

+ 32:12 Ад. 14:6

+ 32:13 Ад. 14:33-35

+ 32:17 Еҳ. 4:12-13

+ 32:18 Еҳ. 22:4

+ 32:19 Еҳ. 13:8

+ 32:39 Ҳас. 50:23, 1 Вақ. 7:14-15

+ 32:40 Еҳ. 13:31, Еҳ. 17:1

+ 32:41 Так. Шар. 3:14-15, 3 Подш. 4:13, 1 Вақ. 2:21-23

+ 33:3 Хур. 14:8

+ 33:4 Хур. 12:12, Хур. 12:29

+ 33:5 Хур. 12:37

+ 33:6 Хур. 13:20

+ 33:7 Хур. 14:2

+ 33:8 Хур. 15:22-23

+ 33:9 Хур. 15:27

+ 33:11 Хур. 16:1

+ 33:14 Хур. 17:1

+ 33:15 Хур. 19:2

+ 33:16 Ад. 11:34

+ 33:17 Ад. 11:35

+ 33:31 Так. Шар. 10:6

+ 33:33 Так. Шар. 10:7

+ 33:35 Так. Шар. 2:8

+ 33:36 Ад. 20:1, Ад. 27:14

+ 33:37 Ад. 20:22

+ 33:38 Ад. 20:28, Так. Шар. 10:6

+ 33:40 Ад. 21:1

+ 33:43 Ад. 21:10

+ 33:44 Ад. 21:11

+ 33:47 Так. Шар. 32:49

+ 33:48 Ад. 22:1

+ 33:49 Ад. 25:1

+ 33:52 Хур. 23:24, Так. Шар. 7:5

+ 33:54 Ад. 26:54

● 34:1 *Ҳиз. 47:13-21*

+ 34:3 Еҳ. 15:1-4

+ 34:7 Ад. 33:37-39

+ 34:8 4 Подш. 14:25

+ 34:11 4 Подш. 23:33, Ирм. 39:5

+ 34:12 Ҳас. 15:18, Хур. 23:31, Так. Шар. 11:24, Еҳ. 1:4

+ 34:17 Еҳ. 14:1, Еҳ. 19:51

+ 34:19 Ад. 14:6

● 35:1 *Еҳ. 21:1-42*

+ 35:6 Так. Шар. 4:41-43, Еҳ. 20:7-8

● 35:9 *Так. Шар. 4:41-43, Так. Шар. 19:1-13, Еҳ. 20*

+ 35:11 Хур. 21:13

+ 35:22 Хур. 21:13

+ 35:25 Хур. 29:7

+ 35:30 Так. Шар. 17:6, Так. Шар. 19:15

+ 35:31 Ҳас. 8:22, Хур. 21:12, Хур. 21:30

+ 35:33 Заб. 105:38, Ҳас. 9:6

+ 35:34 Иб. 18:25

● 36:1 *Ад. 27:1-7, Еҳ. 17:3-6*

+ 36:4 Иб. 25:10

+ 36:7 3 Подш. 21:1-16, Ҳиз. 45:9, Ҳиз. 46:18

+ 36:8 1 Вақ. 23:22

*КИТОБИ ПАНҶУМИ МУСО*

# ТАКРОРИ ШАРИАТ


| | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 | 7 | 8 | 9 | 10 |
| 11 | 12 | 13 | 14 | 15 | 16 | 17 | 18 | 19 | 20 |
| 21 | 22 | 23 | 24 | 25 | 26 | 27 | 28 | 29 | 30 |
| | | | 31 | 32 | 33 | 34 | | | |

## Носипосии Исроил.

1 [1] Ин аст суханоне ки Мусо дар он тарафи Урдун, дар биёбон,
дар саҳро, дар рӯ ба рӯи Суф, дар миёни Форон ва Тӯфал ва Лобон
ва Ҳасирӯт ва Дӣ-Заҳаб ба тамоми Исроил гуфт.
[2] Аз Ҳӯриб, бо роҳи кӯҳи Сеир, то Қодеш-Барнеа сафари ёздаҳрӯза
буд+.
[3] Ва чунин воқеъ шуд, ки дар соли чилум, дар моҳи ёздаҳум, дар
рӯзи якуми моҳ, Мусо ба банӣ-Исроил бар тибқи ҳар он чи Худованд
ба ӯ дар бораи онҳо амр фармуда буд, сухан ронд+.
[4] Баъд аз он ки ӯ Сиҳӯн, подшоҳи амӯриёнро, ки дар Ҳешбӯн
сукунат дошт, ва Ӯҷ, подшоҳи Бошонро, ки дар Аштарӯт, дар Эдрей
сукунат дошт, торумор кард,+
[5] Дар он тарафи Урдун, дар замини Мӯоб, Мусо ба шарҳ додани ин
шариат шурӯъ намуда, гуфт:
[6] «Худованд Худои мо дар Ҳӯриб ба мо сухан ронда, гуфтааст:
„Назди ин кӯҳ истодани шумо бас аст;+
[7] Рӯй ниҳода, кӯч кунед, ва ба кӯҳистони амӯриён ва ҳамаи
ҳамсоягони онҳо, ки дар саҳро ва дар кӯҳсор ва дар пастӣ ва дар
ҷануб ва дар соҳили баҳр, яъне дар Канъон ва Лубнон мебошанд, то
наҳри бузург, ки наҳри Фурот аст, дохил шавед+.
[8] Инак, заминро ба шумо пешниҳод кардаам, пас дохил шуда,
заминеро, ки Худованд ба падарони шумо, ба Иброҳим, Исҳоқ ва
Яъқуб қасам хӯрдааст, ки ба онҳо ва ба наслашон баъд аз онҳо
бидиҳад, тасарруф намоед“+.
[9] Ва ман дар он замон ба шумо сухан ронда, гуфтам: „Бори шуморо
наметавонам ба танҳоӣ бардорам+.
[10] Худованд Худои шумо шуморо афзун кардааст, ва шумо имрӯз
мисли ситорагони осмон сершумор ҳастед+.
[11] Худованд Худои падарони шумо бигзор шуморо ҳазор чандони
он ки ҳастед, афзун намояд, ва шуморо баракат диҳад, чунон ки ба
шумо гуфтааст+.
[12] Пас, чӣ гуна ман ба танҳоӣ ташвиши шумо ва бори шумо ва
низои шуморо бардорам?
[13] Шумо барои худ, дар сибтҳои худ, мардони ҳаким ва хирадманд
ва номдорро интихоб кунед, то ки онҳоро бар шумо сардор таъин

намоям“.
14 Ва шумо ба ман ҷавоб гардонда, гуфтед: „Хуб аст он чи ту гуфтӣ,
ки бикунем“.
15 Ва ман сардорони сибтҳои шуморо, ки мардони ҳаким ва
номдор буданд, гирифтам, ва онҳоро бар шумо таъин намудам, то ки
мириҳазорҳо ва мирисадҳо ва мирипанҷоҳҳо ва миридаҳҳо ва
нозирони сибтҳои шумо бошанд+.
16 Ва ба доварони шумо дар он замон амр фармуда, гуфтам: „Арзу
доди бародарони худро бишнавед, ва дар миёни ҳар кас ва бародари
вай ва ғарибе ки назди вай бошад, аз рӯи адлу инсоф доварӣ
намоед;+
17 Дар доварӣ рӯбинӣ накунед, арзи хурдро мисли бузург
бишнавед, аз ҳеҷ кас натарсед, зеро ки доварӣ аз они Худованд аст; ва
даъвое ки барои шумо мушкил бошад, назди ман биёред, то ки онро
бишнавам“+.
18 Ва дар он вақт ман дар бораи ҳамаи корҳое ки бояд ба ҷо оваред,
ба шумо амр фармудам.

19 •Ва мо аз Ҳӯриб кӯч карда, тамоми ин биёбони бузург ва
даҳшатангезро, ки шумо дидед, ба самти кӯҳистони амӯриён тай
намудем, чунон ки Худованд Худои мо ба мо амр фармуда буд, ва ба
Қодеш-Барнеа расидем.
20 Ва ман ба шумо гуфтам: „Шумо ба кӯҳистони амӯриён, ки
Худованд Худои мо ба мо медиҳад, расидаед.
21 Инак, Худованд Худои падарони ту ин заминро пеши ту
ниҳодааст; баромада, онро тасарруф намо, чунон ки Худованд Худои
падаронат ба ту гуфтааст; натарс ва ҳаросон нашав“+.
22 Валекин ҳамаи шумо назди ман омада, гуфтед: „Мардонро
пешопеши худ бифиристем, то ки заминро барои мо ҷосусӣ намоянд,
ва моро аз роҳе ки бо он бояд биравем, ва аз шаҳрҳое ки ба онҳо
дохил хоҳем шуд, хабардор кунанд“.
23 Ва ин сухан ба назари ман писанд омад, ва ман аз миёни шумо
дувоздаҳ мардро, як нафар аз ҳар сибт, гирифтам.
24 Ва онҳо рӯй ниҳода, ба кӯҳсор баромаданд, ва ба водии Эшкӯл
расида, онро ҷосусӣ карданд.

[25] Ва аз меваҷоти он замин ба дасти худ гирифта, назди мо фурӯд
оварданд, ва ба мо хабар расонида, гуфтанд: „Замине ки Худованд
Худои мо ба мо медиҳад, замини хуб аст“.
[26] Вале шумо нахостед биравед, ва ба фармони Худованд Худои
худ муқобилат намудед.
[27] Ва дар хаймаҳои худ шиква карда, гуфтед: „Азбаски Худованд ба
мо адоват дошт, моро аз замини Миср берун овард, то ки моро ба
дасти амӯриён супурда, несту нобуд кунад.
[28] Мо куҷо метавонем биравем, дар сурате ки бародарони мо дили
моро хиҷил карда, гуфтанд: он қавм аз мо бузургтар ва
қадбаландтаранд, шаҳрҳои онҳо бузург аст, ва ҳисорҳои онҳо сар ба
фалак кашидааст; ва банӣ-Аноқро низ дар он ҷо дидем“.
[29] Ва ман ба шумо гуфтам: „Аз онҳо натарсед ва ҳаросон нашавед;
[30] Худованд Худои шумо, ки пешопеши шумо меравад, барои шумо
ҷанг хоҳад кард, чунон ки бо шумо дар Миср пеши назари шумо амал
кард;+
[31] Ва дар биёбон, чунон ки дидед, Худованд Худои шумо, мисли
касе ки писари худро мебардорад, шуморо дар тамоми роҳе ки
мерафтед, бардошта бурд, то даме ки ба ин ҷо расидед“+.
[32] Вале дар ин бобат шумо ба Худованд Худои худ имон надоштед,
[33] Ки Ӯ дар роҳ пешопеши шумо мерафт, то ки маконе барои шумо
аз баҳри ӯрду заданатон пайдо кунад, ба тавре ки шабона дар оташ
мерафт, то роҳеро, ки бо он бояд биравед, ба шумо нишон диҳад, ва
рӯзона дар абр мерафт+.

[34] •Ва Худованд садои суханони шуморо шунида, дарғазаб шуд, ва
қасам хӯрда, гуфт:
[35] „Ҳеҷ кадоме аз ин одамон, аз ин насли шарир он замини некӯро,
ки Ман қасам хӯрдаам ба падаронатон бидиҳам, нахоҳанд дид;
[36] Фақат Колеб ибни Ефунне онро хоҳад дид: заминеро, ки ӯ тай
кардааст, ба ӯ ва писаронаш хоҳам дод, чунки ӯ Худовандро комилан
пайравӣ намуд“+.
[37] Бар ман низ Худованд аз боиси шумо дарғазаб шуда, гуфт: „Ту
низ ба он ҷо дохил нахоҳӣ шуд;+
[38] Еҳушаъ ибни Нун, ки пеши ту истодааст, ба он ҷо дохил хоҳад
шуд; ӯро тақвият намо, зеро ки ӯ онро барои тасарруфи Исроил

тақсим хоҳад кард;+
39 Ва кӯдакони шумо, ки дар бораи онҳо гуфтед: «Ба асирӣ бурда
хоҳанд шуд», ва писарони шумо, ки имрӯз аз неку бад вуқуф
надоранд, — онҳо ба он ҷо дохил хоҳанд шуд; ва онро ба онҳо хоҳам
дод, то ки онро тасарруф намоянд;
40 Вале шумо рӯй нихода, бо роҳи баҳри Қулзум сӯи биёбон кӯч
кунед“.
41 Ва шумо ҷавоб гардонда, ба ман гуфтед: „Мо ба ҳузури Худованд
гуноҳ кардем; пас, мо баромада, ҷанг хоҳем кард, мувофиқи ҳар он
чи Худованд Худои мо ба мо амр фармудааст“. Ва ҳар яке аслиҳаи
ҷангии худро ба камар баста, азми кӯҳбарой намудед.
42 Ва Худованд ба ман гуфт: „Ба онҳо бигӯ: набароед ва ҷанг
накунед, зеро ки Ман дар миёни шумо нестам, мабодо пеши
душманони худ ба мағлубият дучор шавед“.
43 Ва ман ба шумо сухан рондам, вале шумо гӯш надодед, ва ба
фармони Худованд муқобилат кардед, ва густохӣ намуда, бар кӯҳ
баромадед.
44 Ва амӯриёне ки дар он кӯҳ сокин буданд, ба муқобили шумо
берун омада, шуморо таъқиб карданд, чунон ки занбӯрҳои асал
мекунанд; ва ба шумо аз Сеир то Ҳормо шикаст расониданд.
45 Ва шумо баргашта, ба ҳузури Худованд гиръя кардед, вале
Худованд овози шуморо нашнид ва ба шумо гӯш надод.
46 Ва шумо дар Қодеш айёми зиёде истодед, мисли айёме ки пеш
аз он истода будед+.

## Оворагардӣ дар биёбон ва мамониатҳои гуногун.

2 [1] Ва мо рӯй ниҳода, бо роҳи баҳри Қулзум сӯи биёбон кӯч
кардем, чунон ки Худованд ба ман гуфта буд; ва кӯҳи Сеирро
айёми зиёде давр задем+.
[2] Ва Худованд ба ман сухан ронда, гуфт:
[3] „Ин кӯҳро давр задани шумо бас аст, ба тарафи шимол рӯй
оваред.
[4] Ва ту ба қавм амр фармуда, бигӯ: шумо бояд аз ҳудуди
бародарони худ, банӣ-Эсов, ки дар Сеир сокинанд, убур намоед, ва
онҳо аз шумо хоҳанд тарсид; вале шумо бағоят эҳтиёт бошед.
[5] Бо онҳо низоъ накунед, зеро ки аз замини онҳо ба андозаи як
кафи пой ҳам ба шумо нахоҳам дод, чунки кӯҳи Сеирро ба тасарруфи
Эсов додаам+.
[6] Хӯрокро аз онҳо ба нуқра харида, бихӯред, ва обро низ аз онҳо ба
нуқра харида, бинӯшед.
[7] Зеро ки Худованд Худоят туро дар тамоми амали дастат баракат
додааст; дар ин биёбони бузург роҳ паймуданатро медонист — ин
чил сол аст, ки Худованд Худоят бо туст, ва ту аз ҳеҷ чиз камӣ
надоштӣ“+.
[8] Ва мо аз пеши бародарони худ, банӣ-Эсов, ки дар Сеир сукунат
доранд, қафо гашта, аз роҳи саҳро, аз Эйлат ва аз Эсьйӯн-Ҷобар убур
намудем, ва тоб хӯрда, аз роҳи биёбони Мӯоб гузаштем+.
[9] Ва Худованд ба ман гуфт: „Бо Мӯоб адоват нанамо ва ба зидди
онҳо ҷанг накун, зеро ки аз замини онҳо чизе ба тасарруфи ту
нахоҳам дод, чунки Орро ба тасарруфи банӣ-Лут додаам+.
[10] Дар он ҷо пештар эмиён сукунат доштанд, ки қавми бузург ва
сершумор ва мисли аноқиён қадбаланд буданд+.
[11] Онҳо низ мисли аноқиён аз рафоиён ҳисоб меёфтанд, вале
мӯобиён онҳоро эмиён мехонданд+.
[12] Ва дар Сеир пештар ҳӯриён сукунат доштанд, ва банӣ-Эсов
онҳоро аз пеши худ бадар ронданд ва дар ҷои онҳо маскан
гирифтанд, чунон ки Исроил дар замини мероси худ, ки Худованд ба
онҳо дода буд, амал карданд+.
[13] Алҳол бархоста, аз наҳри Зорад убур намоед!“+

14 Ва айёме ки аз Қодеш-Барнеа роҳ паймудем, то даме ки аз наҳри
Зорад убур кардем, сию ҳашт сол буд, яъне то вақте ки тамоми он
мардуми ҷангӣ аз миёни ӯрду тамом шуданд, чунон ки Худованд ба
онҳо қасам хӯрда буд+.
15 Ва дасти Худованд низ бар онҳо буд, то ки онҳоро аз миёни ӯрду
несту нобуд кунад, то вақте ки тамом шаванд.
16 Ва ҳангоме ки тамоми он мардуми ҷангӣ тамом шуда, аз миёни
қавм мурданд,
17 Худованд ба ман сухан ронда, гуфт:
18 „Ту имрӯз аз пеши ҳудуди Мӯоб, аз пеши Ор убур менамоӣ,
19 Ва ба ҳудуди банӣ-Аммӯн наздик мешавӣ; ба онҳо адоват
нанамо ва бо онҳо ҷидол накун, зеро ки аз замини банӣ-Аммӯн чизе
ба тасарруфи ту нахоҳам дод, чунки онро ба тасарруфи банӣ-Лут
додаам“+.
20 Он низ замини рафоим ҳисоб меёфт: дар он ҷо пештар рафоим
сукунат доштанд, ва аммӯниён онҳоро замзуммиён мехонданд+.
21 Онҳо қавми бузург ва сершумор ва мисли аноқиён қадбаланд
буданд; ва Худованд онҳоро аз пешашон несту нобуд кард, ва онҳоро
бадар ронда, дар ҷояшон маскан гирифтанд,
22 Чунон ки Ӯ барои банӣ-Эсов, ки дар Сеир сукунат доранд, амал
кард, яъне ҳӯриёнро аз пешашон несту нобуд кард, ва онҳоро бадар
ронданд ва дар ҷояшон то имрӯз сукунат доранд+.
23 Ва аввиёнро, ки дар деҳот то Ғазза сукунат доштанд, кафтӯриён,
ки аз Кафтӯр берун омаданд, несту нобуд карда, дар ҷояшон маскан
гирифтанд+.

24 •„Бархоста, кӯч кунед ва аз наҳри Арнӯн убур намоед! Инак,
Сиҳӯн, подшоҳи Ҳешбӯнро, ки подшоҳи амӯриён аст, бо замини вай
ба дасти ту месупорам; ба тасарруфи он шурӯъ намуда, ба зидди ӯ
ҷанг кун.
25 Аз имрӯз эътиборан тарсу ваҳми туро дар миёни қавмҳои зери
тамоми осмон паҳн мекунам, то ки онҳо овозаи туро шунида, дар
изтироб афтанд ва пеши ту ба ларза оянд“+.
26 Ва ман қосидонро аз биёбони Қадимӯт бо суханони сулҳҷӯёна
назди Сиҳӯн, подшоҳи Ҳешбӯн, фиристодам, то ки бигӯянд:

27 „Изн бидеҳ, ки аз замини ту убур намоям; фақат бо шоҳроҳ
хоҳам рафт, ба тарафи рост ё чап тоб нахоҳам хӯрд+.
28 Хӯрокро ба нуқра ба ман бифрӯш, то ки бихӯрам, ва обро ба
нуқра ба ман бидеҳ, то ки бинӯшам; фақат бо поҳои худ убур хоҳам
кард, —
29 Чунон ки банӣ-Эсов, ки дар Сеир сукунат доранд, ва мӯобиён, ки
дар Ор сукунат доранд, бо ман рафтор карданд, — то даме ки аз
Урдун ба замине ки Худованд Худои падарони мо ба мо медиҳад,
убур намоям".
30 Валекин Сиҳӯн, подшоҳи Ҳешбӯн, розӣ нашуд, ки барои
гузаштани мо аз замини худ роҳ диҳад, зеро ки Худованд Худои ту
рӯҳи варо бемурувват ва дили варо сахт гардонид, то ки варо ба
дасти ту бисупорад, чунон ки имрӯз воқеъ шудааст.
31 Ва Худованд ба ман гуфт: „Инак, Ман ба он оғоз менамоям, ки
Сиҳӯн ва замини варо ба дасти ту бисупорам; пас, ба тасарруф
кардани замини вай шурӯъ намо".
32 Ва Сиҳӯн бо тамоми қавми худ ба муқобили мо берун омад, то
ки дар Ёҳас бо мо ҷанг кунад.
33 Ва Худованд Худои мо варо ба дасти мо супурд, ва мо варо бо
писаронаш ва тамоми қавмаш торумор кардем.
34 Ва ҳамаи шаҳрҳои варо дар он вақт забт намудем, ва мардону
занону кӯдакони ҳар шаҳрро несту нобуд кардем, ҳеҷ якеро зинда
нагузоштем.
35 Фақат чорпоёнро бо ғанимати шаҳрҳое ки забт кардем, тороҷ
намудем.
36 Аз Арӯэр, ки дар соҳили наҳри Арнӯн аст, ва шаҳре ки дар водӣ
воқеъ аст, то Ҷилъод ҳеҷ шаҳри ҳисордоре набуд, ки аз мо зӯртар
бошад; Худованд Худои мо ҳамаро ба дасти мо супурд+.
37 Фақат ба замини банӣ-Аммӯн: ба тамоми соҳили наҳри Яббӯқ ва
шаҳрҳои кӯҳистон, ва ба ҳар ҷое ки Худованд Худои мо манъ карда
буд, ту наздик нашудӣ.

## Ғалаба бар Ӯҷ, подшоҳи Бошон.

3 1 •Ва мо тоб хӯрда, ба роҳи Бошон баромадем; ва Ӯҷ, подшоҳи
Бошон, бо тамоми қавми худ ба муқобили мо берун омад, то ки
назди Эдрей ҷанг кунад.
2 Ва Худованд ба ман гуфт: „Аз вай натарс, зеро ки варо бо тамоми
қавми вай ва замини вай ба дасти ту супурдам, ва ту бо вай ончунон
амал хоҳӣ кард, чунон ки бо Сиҳӯн, подшоҳи амӯриён, ки дар
Ҳешбӯн сукунат дошт, амал кардӣ“+.
3 Ва Худованд Худои мо Ӯҷ, подшоҳи Бошонро низ бо тамоми
қавми вай ба дасти мо супурд, ва мо варо торумор кардем, ба тавре
ки аз ӯ ҳеҷ яке зинда намонд.
4 Ва ҳамаи шаҳрҳои варо дар он вақт забт намудем; ҳеҷ як шаҳри
ҳисордоре набуд, ки аз дасти онҳо нагирифта бошем: шаст шаҳр,
тамоми музофоти Арҷуб, ки ин мамлакати Ӯҷ дар Бошон буд+.
5 Ҳамаи инҳо шаҳрҳои ҳисордор буда, деворҳои баланд, дарвозаҳо
ва ғалақаҳо доштанд, ғайр аз шаҳрҳои беҳисор, ки бағоят бисьёр
буданд.
6 Ва онҳоро несту нобуд кардем, чунон ки бо Сиҳӯн, подшоҳи
Ҳешбӯн, амал карда будем: мардону занону кӯдакони ҳар шаҳрро
несту нобуд кардем+.
7 Вале ҳамаи чорпоён ва ғанимати он шаҳрҳоро барои худ тороҷ
намудем.
8 Ва мо дар он вақт заминро аз дасти ду подшоҳи амӯриён, ки дар
он тарафи Урдун буданд, аз наҳри Арнӯн то кӯҳи Ҳермӯн, —
9 Сидӯниён Ҳермӯнро Сирьйӯн меномиданд, ва амӯриён онро Сенир
меномиданд, —+
10 Ҳамаи шаҳрҳои даштрӯя ва тамоми Ҷилъод ва тамоми Бошонро
то Салко ва Эдрей, ки шаҳрҳои мамлакати Ӯҷ дар Бошон буданд,
гирифтем.
11 Зеро ки фақат Ӯҷ, подшоҳи Бошон, аз рафоиён боқӣ монда буд;
инак, бистари марги ӯ, ки бистари оҳанин аст, дар Раббаи банӣ-
Аммӯн мебошад, ва бар ҳасби зирои одамӣ нӯҳ зироъ дарозӣ ва чор
зироъ фароҳӣ дорад+.

12 Ва ин заминро дар он вақт тасарруф намудем; Арӯэр, ки назди
наҳри Арнӯн аст, ва нисфи кӯҳистони Ҷилъод ва шаҳрҳояшро ба
реубениён ва ҷодиён додам;+
13 Ва бақияи Ҷилъод ва тамоми Бошонро, ки мамлакати Ӯҷ буд, ба
нисфи сибти Менашше додам, яъне тамоми музофоти Арҷубро бо
тамоми он Бошон, ки замини рафоиён ном дошт.
14 Ёир ибни Менашше тамоми музофоти Арҷубро то ҳудуди
ҷашуриён ва маъхотиён гирифт, ва онҳоро, яъне деҳоти Бошонро, ба
номи худаш деҳоти Ёир ном ниҳод, ки то имрӯз чунин аст+.
15 Ва ба Мокир Ҷилъодро додам+.
16 Ва ба реубениён ва ҷодиён аз Ҷилъод то наҳри Арнӯн, яъне то
миёнаи наҳр, ки сарҳад бошад, ва то наҳри Яббӯқ, ки сарҳади банӣ-
Аммӯн бошад, додам,+
17 Ва саҳроро низ то Урдун, ки сарҳад бошад, аз Кинерет то баҳри
саҳро, ки баҳри Намак бошад, дар домани Фисҷа ба тарафи шарқ+.
18 Ва дар он вақт ба шумо амр фармуда, гуфтам: „Худованд Худои
шумо ин заминро ба шумо додааст, то ки онро тасарруф намоед; пас,
ҳамаи ҷасурон мусаллаҳ гардида, пешопеши бародарони худ, банӣ-
Исроил убур намоед;
19 Фақат занони шумо ва кӯдакони шумо ва чорвои шумо, —
медонам, ки шумо чорвои зиёде доред, — дар шаҳрҳое ки ба шумо
додаам, бимонанд,+
20 То даме ки Худованд ба бародарони шумо, мисли шумо, оромӣ
бибахшад, ва онҳо низ заминеро, ки Худованд Худои шумо ба онҳо
дар он тарафи Урдун медиҳад, тасарруф намоянд, ва он гоҳ ҳар яке аз
шумо ба мулки худ, ки ба шумо додаам, хоҳед баргашт“+.
21 Ва ба Еҳушаъ дар он вақт амр фармуда, гуфтам: „Ҳар он чиро, ки
Худованд Худои шумо ба ин ду подшоҳ кардааст, чашмони ту дид;
пас, Худованд ба ҳамаи мамлакатҳое ки ту аз онҳо убур менамоӣ,
чунин хоҳад кард+.
22 Аз онҳо натарсед, зеро ки Худованд Худои шумо Худаш барои
шумо ҷанг мекунад“+.
23 Ва ман дар он вақт сӯи Худованд тазаррӯъ намуда, гуфтам:
24 „Худоё Худовандо! Ту ба нишон додани кибриёи Худ ва дасти
қавии Худ ба бандаат шурӯъ намудаӣ, зеро кадом худост дар осмон ё

дар замин, ки битавонад чизе мисли аъмол ва корнамоиҳои Ту ба
амал оварад+?
25 Лутфан, ба ман изн бидеҳ, ки убур намоям ва замини некӯро, ки
дар он тарафи Урдун аст, ин кӯҳистони некӯ ва Лубнонро бубинам“.
26 Вале Худованд аз боиси шумо ба ман ғазаб намуда, маро иҷобат
накард; ва Худованд ба ман гуфт: „Бас кун! Дар ин хусус дигар сухане
ба Ман нагӯй+.
27 Ба қуллаи Фисҷа баро ва чашмонатро ба ҷониби ғарб ва шимол
ва ҷануб ва шарқ баланд кун, ва бо чашмонат бубин, зеро ки ту аз ин
Урдун убур нахоҳӣ кард+.
28 Ва ба Еҳушаъ амр фармуда, ӯро қавӣ ва далер гардон, зеро ки ӯ
пешопеши ин қавм убур намуда, заминеро, ки ту хоҳӣ дид, барои
тасарруфи онҳо тақсим хоҳад кард“+.
29 Ва мо дар дара, рӯ ба рӯи Байт-Фаӯр маскан гирифтем+.

## Шариати Сино ба насли ҷавон пешниҳод карда шуд.

4 [1] Ва алҳол, эй Исроил, фароиз ва аҳкомеро бишнавед, ки ба ҷо
овардани онҳоро ман ба шумо таълим медиҳам, то ки шумо зинда
монед, ва рафта, заминеро, ки Худованд Худои падаронатон ба шумо
медиҳад, тасарруф намоед+.
[2] Ба он чи ман ба шумо амр мефармоям, чизе илова нанамоед, ва
чизе аз он кам накунед, балки фақат аҳкоми Худованд Худои худро,
ки ман ба шумо амр мефармоям, риоя намоед+.
[3] Он чиро, ки Худованд дар Баал-Фаӯр кард, чашмони шумо
дидааст: ҳар касеро, ки пайрави Баал-Фаӯр буд, Худованд Худои
шумо аз миёни шумо маҳв намуд+.
[4] Вале шумо, ки Худованд Худои худро пайравӣ намудед,
ҳамаатон имрӯз зинда ҳастед.
[5] Инак, чунон ки Худованд Худои ман ба ман амр фармудааст,
фароиз ва аҳкомро ба шумо таълим додам, то ки шумо дар замине ки
барои тасарруф кардани он ба он дохил мешавед, чунин амал
намоед.
[6] Пас, онҳоро риоя намуда, ба амал оваред, зеро ки ин ҳикмат ва
хиради шумо пеши назари қавмҳост, ки онҳо тамоми ин фароизро
шунида, хоҳанд гуфт: „Ба яқин, ин халқи бузург қавми ҳаким ва
хирадманданд!“+
[7] Зеро кадом халқи бузурге ҳаст, ки худоён ба вай наздик бошанд,
чунон ки Худованд Худои мост, дар ҳар вақте ки мо сӯи Ӯ мехонем+?
[8] Ва кадом халқи бузурге ҳаст, ки фароиз ва аҳкоми одилонае
мисли тамоми ин шариат дошта бошад, ки онро ман имрӯз ба шумо
пешниҳод мекунам+?
[9] Фақат эҳтиёт шав, ва ҷони худро бағоят эҳтиёт намо, мабодо
чизҳоеро, ки чашмонат дидааст, фаромӯш кунӣ, ва мабодо онҳо дар
тамоми айёми умри ту аз дилат дур шавад; ва дар бораи онҳо ба
писаронат ва ба писарони писаронат маълумот бирасон, —+
[10] Дар бораи он рӯзе ки ту ба хузури Худованд Худои худ дар
Ҳӯриб истода будӣ, ва Худованд ба ман гуфт: „Қавмро назди Ман
ҷамъ кун, ва Ман суханонамро ба онҳо бишнавонам, то таълим
гиранд, ки дар тамоми айёме ки онҳо дар рӯи замин зинда бошанд,
бояд аз Ман битарсанд, ва писарони худро таълим диҳанд“+.

11 Ва шумо наздик омада, зери кӯҳ истодед; ва кӯҳ то миёнаи
осмон дар оташ месӯхт, дар сурате ки аз абр ва меғ ҳама ҷо торик
буд+.
12 Ва Худованд ба шумо аз миёни оташ сухан ронд; садои
суханонро шумо шунидед, вале сурате надидед, фақат садо буд.
13 Ва Ӯ аҳди Худро ба шумо эълон намуда, ба амал овардани онро
ба шумо амр фармуд, ки он аз даҳ аҳком иборат аст; ва онҳоро бар ду
лавҳи сангин навишт+.
14 Ва Худованд дар он вақт ба ман амр фармуд, ки он фароиз ва
аҳкомро ба шумо таълим диҳам, то ки дар замине ки барои тасарруф
кардани он ба он убур менамоед, онҳоро ба амал оваред.
15 Пас, ҷонҳои худро бағоят эҳтиёт кунед, зеро дар рӯзе ки
Худованд ба шумо дар Ҳӯриб аз миёни оташ сухан ронд, ҳеҷ сурате
надидед, —
16 Мабодо шумо фосид шуда, барои худ ҳайкале, сурати ҳар
санаме: шакли марде ё зане бисозед,+
17 Ё шакли ҳар чорпое ки дар рӯи замин аст, ё шакли ҳар парандаи
болдоре ки зери осмон парвоз мекунад,
18 Ё шакли ҳар хазандае ки дар замин аст, ё шакли ҳар моҳие ки
дар обҳои зери замин аст;
19 Ва мабодо чашмонатро сӯи осмон баланд кунӣ, ва офтоб ва моҳ
ва ситорагонро, яъне тамоми лашкари осмонро дида, фирефта шавӣ
ва ба онҳо саҷда бурда, онҳоро ибодат намоӣ, ва ҳол он ки онҳоро
Худованд Худои ту насибаи ҳамаи қавмҳое ки зери тамоми
осмонанд, гардонидааст, —+
20 Валекин шуморо Худованд гирифта, аз кӯраи оҳанин, яъне аз
Миср берун овард, то ки барои Ӯ қавми мерос бошед, чунон ки имрӯз
ҳастед+.
21 Ва Худованд аз боиси шумо ба ман ғазаб намуда, қасам хӯрд, ки
ман аз Урдун убур накунам ва ба замини некӯе ки Худованд Худои ту
ба ту барои тасарруф кардан медиҳад, дохил нашавам;+
22 Зеро ки ман дар ин замин хоҳам мурд, аз Урдун убур нахоҳам
кард, вале шумо убур намуда, он замини некӯро тасарруф хоҳед
кард.
23 Пас, эҳтиёт шавед, мабодо аҳди Худованд Худои худро, ки бо
шумо бастааст, фаромӯш карда, ҳайкале, сурати ҳар чизе барои худ

бисозед, ки насохтани онро Худованд Худои ту ба ту амр
фармудааст;
24 Зеро ки Худованд Худои ту оташи сӯзанда аст, Худои рашкнок
аст+.
25 Вақте ки шумо писарон ва писарони писаронро ба дуньё оварда,
муддати зиёде дар ин замин сукунат намоед, ва фосид шуда,
ҳайкале, сурати ҳар чизе бисозед, ва он чи дар назари Худованд
Худои шумо бад аст, ба амал оваред, то ки Ӯро ба хашм оваред, —
26 Ман имрӯз бар шумо осмон ва заминро ба шоҳидӣ даъват
менамоям, ки шумо аз замине ки барои тасарруф кардани он аз
Урдун убур менамоед, ба зудӣ маҳв хоҳед шуд; айёми зиёде бар он
иқомат нахоҳед кард, балки несту нобуд хоҳед шуд,+
27 Ва Худованд шуморо дар миёни қавмҳо пароканда хоҳад кард,
ва шумо дар миёни халқҳое ки Худованд шуморо ба он ҷо мебарад,
камшумор хоҳед монд;+
28 Ва дар он ҷо худоёнеро, ки бо дасти одамизод аз чӯб ва санг
сохта шудаанд, ибодат хоҳед кард, ки онҳо намебинанд, ва
намешунаванд, ва намехӯранд, ва бӯй намекунанд+.
29 Ва чун аз он ҷо Худованд Худои худро ҷӯё шавӣ, Ӯро хоҳӣ ёфт,
агар Ӯро бо тамоми дили худ ва бо тамоми ҷони худ биҷӯӣ+.
30 Вақте ки ба тангӣ афтӣ, ва тамоми ин ҳодисот ба сарат ояд, дар
охири айём, сӯи Худованд Худои худ баргашта, ба овози Ӯ гӯш хоҳӣ
дод,
31 Зеро ки Худованд Худои ту Худои раҳим аст; Ӯ туро тарк
нахоҳад кард ва туро ба ҳалокат нахоҳад расонид, ва аҳди
падаронатро, ки ба онҳо қасам хӯрдааст, фаромӯш нахоҳад кард.
32 Зеро дар бораи айёми пешина, ки пеш аз ту мурур намудааст, аз
рӯзе ки Худо одамро бар замин офарид, аз як канори осмон то
канори дигари осмон, бипурс, ки оё мисли ин кори бузурге ба вуқӯъ
омадааст, ё мисли ин шунида шудааст+?
33 Оё қавме овози Худоро, ки аз миёни оташ сухан ронда бошад,
шунидааст, — ва зинда мондааст, — чунон ки ту шунидаӣ+?
34 Оё худое кӯшидааст, ки омада, халқеро аз миёни халқе бо
озмоишҳо, аломатҳо ва мӯъҷизаҳо, ва ҷанг ва дасти қавӣ ва бозуи
тӯлонӣ ва даҳшатҳои азим барои худ бигирад, мисли ҳар он чи

Худованд Худои шумо барои шумо дар Миср пеши назари шумо ба амал овард?
35 Ин чизҳо бар ту зоҳир шуд, то бидонӣ, ки Худованд Худост, ва ғайр аз Ӯ дигаре нест+.
36 Аз осмон овози Худро ба ту шунавонид, то ки туро адаб омӯзад, ва бар замин оташи бузурги Худро ба ту нишон дод, ва сухани Ӯро ту аз миёни оташ шунидӣ+.
37 Ва азбаски Ӯ падарони туро дӯст дошта, насли онҳоро баъд аз онҳо баргузид, Худаш туро бо кувваи бузурги Худ аз Миср берун овард,
38 То ки халқҳои аз ту бузургтар ва азимтарро аз пеши ту бадар ронад, ва туро дохил карда, замини онҳоро ба ту ҳамчун мулк бидиҳад, чунон ки имрӯз воқеъ шудааст.
39 Пас, имрӯз бидон ва дар дили худ ҷойгир кун, ки Худованд Худост дар осмон аз боло ва бар замин аз поён, ва дигаре нест+.
40 Ва фароизу аҳкоми Ӯро, ки ман имрӯз ба ту амр мефармоям, риоя намо, то ки барои ту ва барои писаронат баъд аз ту некӯ бошад, ва ту дар замине ки Худованд Худоят ба ту ба сурати абадӣ медиҳад, умр гузаронӣ».

## Дар бораи се шаҳри гурезгоҳ.

41 •Он гоҳ Мусо се шаҳрро дар он тарафи Урдун, дар ҷониби шарқии офтоббаро ҷудо кард,
42 То қотиле ки ёри худро нодониста кушта бошад, дар сурате ки пештар бо вай адовате надошта бошад, ба он ҷо бигрезад, яъне ба яке аз ин шаҳрҳо гурехта, зинда бимонад:
43 Босар дар биёбон, дар кишвари даштрӯя, барои реубениён; ва Ромӯт дар Ҷилъод барои ҷодиён; ва Ҷӯлон дар Бошон барои менашшеиён.
44 Ва ин аст шариате ки Мусо ба банӣ-Исроил пешниҳод кард;
45 Ин аст шаҳодот ва фароиз ва аҳкоме ки Мусо ба банӣ-Исроил гуфт, вақте ки онҳо аз Миср берун омаданд,
46 Дар он тарафи Урдун, дар дараи рӯ ба рӯи Байт-Фаӯр, дар замини Сиҳӯн, подшоҳи амӯриён, ки дар Ҳешбӯн сукунат дошт, ва

Мусо ва банӣ-Исроил, вақте ки аз Миср берун омаданд, варо торумор
карданд,
[47] Ва замини вай ва замини Ӯҷ, подшоҳи Бошонро, — ин ду
подшоҳи амӯриёнро, ки дар он тарафи Урдун, дар ҷониби шарқии
офтоббаро буданд, — тасарруф карданд,+
[48] Аз Арӯэр, ки дар соҳили наҳри Арнӯн аст, то кӯҳи Сион, ки
Ҳермӯн бошад,+
[49] Ва тамоми саҳрои он тарафи Урдун, дар ҷониби шарқӣ, то баҳри
биёбон, ки дар домани Фисҷа аст+.

## Такрори даҳ аҳком.

5 1 •Ва Мусо тамоми Исроилро хонда, ба онҳо гуфт: «Эй Исроил,
фароиз ва аҳкомеро, ки ман имрӯз ба самъи шумо мерасонам,
бишнавед, ва онҳоро биомӯзед, ва саъю кӯшиш намоед, ки онҳоро ба
ҷо оваред.
2 Худованд Худои мо бо мо дар Ҳӯриб аҳд баст.
3 На бо падарони мо Худованд ин аҳдро баст, балки бо мо, ки дар
ин ҷо имрӯз ҳамаамон зинда ҳастем.
4 Худованд бо шумо дар кӯҳ рӯ ба рӯ, аз миёни оташ сухан ронд, —
+
5 Дар сурате ки ман дар он вақт дар миёни Худованд ва шумо
истода будам, то ки каломи Худовандро ба шумо баён намоям, зеро
ки шумо аз оташ тарсида, ба болои кӯҳ набаромадед, — ва гуфт:+
6 „Ман Худованд Худои ту ҳастам, ки туро аз замини Миср, аз
хонаи ғуломӣ берун овардам+.
7 Туро худоёни дигар, ҷуз Ман, набояд бошад+.
8 Санаме, ҳар сурате аз он чи дар осмон аз болост, ва аз он чи дар
замин аз поён аст, ва аз он чи дар об аз зери замин аст, барои худ
насоз+.
9 Ба онҳо саҷда набар ва онҳоро ибодат накун; зеро ки Ман
Худованд Худои ту ҳастам, Худои рашкноке ҳастам, ки барои гуноҳи
падарон аз писарон, то насли сеюм ва чорум, аз онҳое ки аз Ман
нафрат дошта бошанд, интиқом мегирам,+
10 Ва то ҳазорон насл ба онҳое ки Маро дӯст медоранд ва аҳкоми
Маро ба ҷо меоваранд, марҳамат мекунам+.
11 Исми Худованд Худои худро беҳуда ба забон нагир, зеро ки
Худованд касеро, ки исми Ӯро беҳуда ба забон мегирад, беҷазо
нахоҳад гузошт+.
12 Рӯзи шанберо нигоҳ дор, то ки онро тақдис намоӣ, чунон ки
Худованд Худоят ба ту амр фармудааст+.
13 Шаш рӯз кор кун ва ҳар амалатро ба ҷо овар;
14 Вале рӯзи ҳафтум шанбеи Худованд Худои туст; дар он ҳеҷ кор
накун, — худат ва писарат, ва духтарат, ва ғуломат, ва канизат, ва

говат ва харат, ва тамоми чорпоят, ва ғарибат, ки андаруни шаҳри
туст, то ки ғуломат ва канизат мисли ту ором гиранд.
15 Ва дар хотир нигоҳ дор, ки ту дар замини Миср ғулом будӣ, ва
туро Худованд Худои ту аз он ҷо бо дасти қавӣ ва бозуи тӯлонӣ берун
овард; бинобар ин Худованд Худоят ба ту амр фармудааст, ки рӯзи
шанберо ба ҷо оварӣ.
16 Падари худ ва модари худро иззат намо, чунон ки Худованд
Худоят ба ту амр фармудааст, то ки умри ту дароз шавад, ва дар
замине ки Худованд Худоят ба ту медиҳад, барои ту некӯ бошад+.
17 Қатл накун+.
18 Зино накун+.
19 Дуздӣ накун+.
20 Дар ҳаққи ёри худ шаҳодати дурӯғ надеҳ+.
21 Зани ёри худро тамаъ накун, ва хонаи ёрат, киштзораш ва
ғуломаш ва канизаш, говаш ва хараш, ва ҳар чизеро, ки аз они ёрат
бошад, тамаъ накун“+.
22 Ин суханонро Худованд ба тамоми ҷамоати шумо дар кӯҳ аз
миёни оташ, абр ва меғ бо овози баланд гуфт ва чизе илова нанамуд;
ва онҳоро бар ду лавҳи сангин навишта, ба ман дод+.
23 Ва ҳангоме ки шумо он овозро аз миёни торикӣ шунидед, дар
сурате ки кӯҳ дар оташ месӯхт, шумо, яъне ҳамаи сардорони сибтҳои
шумо ва пирони шумо, ба ман наздик омадед,
24 Ва гуфтед: „Инак, Худованд Худои мо ҷалол ва кибриёи Худро ба
мо нишон дод, ва овози Ӯро мо аз миёни оташ шунидем; имрӯз мо
дидем, ки Худо ба одам сухан меронад, — ва вай зинда мондааст.
25 Вале алҳол чаро бимирем? Зеро ки ин оташи бузург моро хоҳад
сӯзонид: агар мо боз овози Худованд Худои худро бишнавем, хоҳем
мурд+.
26 Зеро кист аз тамоми башар, ки овози Худои Ҳайро, ки аз миёни
оташ сухан рондааст, мисли мо бишнавад, — ва зинда бимонад?
27 Ту наздик шуда, ҳар он чи Худованд Худои мо бигӯяд, бишнав,
ва ту ҳар он чиро, ки Худованд Худои мо ба ту бигӯяд, ба мо баён
намо, ва мо шунида, ба амал хоҳем овард“+.
28 Ва Худованд суханони шуморо, ки ба ман гуфтед, шунид, ва
Худованд ба ман гуфт: „Суханони ин қавмро, ки ба ту гуфтанд,
шунидам; ҳар он чи онҳо гуфтанд, дуруст аст+.

29 Кошки дили онҳо чунин мебуд, ки аз Ман тарсида, тамоми
аҳкоми Маро тамоми айём риоя мекарданд, то ки барои онҳо ва
барои писарони онҳо ба сурати абадӣ некӯ бошад!
30 Рафта, ба онҳо бигӯ: ба хаймаҳои худ баргардед.
31 Ва ту дар ин ҷо назди Ман бимон, ва Ман тамоми аҳком ва
фароиз ва дастуротро, ки бояд ба онҳо таълим диҳӣ, ба ту хоҳам
гуфт, то ки онҳо дар замине ки Ман барои тасарруф кардан ба онҳо
медиҳам, ба амал оваранд“.
32 Пас, саъю кӯшиш намуда,ончунон ки Худованд Худои шумо ба
шумо амр фармудааст, ба амал оваред, ба тарафи рост ё чап майл
накунед;+
33 Бо тамоми роҳе ки Худованд Худои шумо ба шумо амр
фармудааст, равона шавед, то ки зинда бимонед, ва барои шумо некӯ
бошад, ва умри шумо дар замине ки тасарруф менамоед, дароз
шавад+.

## Шарҳи аҳком.

6 [1] Ва ин аст аҳком, фароиз ва дастуроте ки Худованд Худои
шумо амр фармуд, ки ба шумо таълим диҳам, то онҳоро дар
замине ки барои тасарруф кардани он ба он ҷо убур менамоед, ба
амал оваред,
[2] То ки аз Худованд Худои худ тарсида, тамоми фароиз ва аҳкоми
Ӯро, ки ман ба ту амр мефармоям, риоя намоӣ, — ту ва писарат ва
писари писарат, дар тамоми айёми умрат, то ки айёми ту дароз
шавад+.
[3] Пас, эй Исроил, бишнав ва саъю кӯшиш намо, ки онҳоро ба амал
оварӣ, то ки барои ту некӯ бошад, ва шумо бисьёр афзун шавед дар
замине ки шир ва асал дар он ҷорист, чунон ки Худованд Худои
падаронат ба ту гуфтааст+.

## Аҳкоми бузург.

[4] Бишнав, эй Исроил! Худованд Худои мо Худои ягона аст+.
[5] Ва ту Худованд Худои худро бо тамоми дили худ, ва бо тамоми
ҷони худ, ва бо тамоми қуввати худ дӯст бидор+.

## Огоҳиҳо.

[6] Ва ин суханон, ки ман имрӯз ба ту амр мефармоям, бигзор бар
дили ту бошад,
[7] Ва онҳоро ба писаронат талқин бикун, ва ҳангоми нишастанат
дар хонаи худ, ва ҳангоми роҳ рафтанат, хобиданат ва бархостанат
дар бораи онҳо гуфтугӯ намо,+
[8] Ва онҳоро ҳамчун аломат бар дасти худ бибанд, ва онҳо ҳамчун
нишона дар миёни чашмонат бошад,+
[9] Ва онҳоро бар паҳлудариҳои хонаи худ ва бар дарвозаҳои худ
бинавис+.
[10] Ва ҳангоме ки Худованд Худоят туро ба замине дароварад, ки ба
падаронат — ба Иброҳим, Исҳоқ ва Яъқуб — қасам хӯрдааст, ки онро
ба ту бидиҳад, бо шаҳрҳои бузург ва хубе ки ту бино накардаӣ,+
[11] Ва бо хонаҳои пур аз ҳар неъмат, ки ту пур накардаӣ, ва бо
ҳавзҳои дар санг кандашуда, ки ту накандаӣ, ва бо токҳо ва

дарахтони зайтун, ки ту нашинондаӣ, ва ту аз меваи онҳо хӯрда сер
хоҳӣ шуд, —
12 Он гоҳ эҳтиёт бош, мабодо Худовандро, ки туро аз замини Миср,
аз хонаи ғуломӣ берун овард, фаромӯш кунӣ.
13 Аз Худованд Худои худ битарс, ва Ӯро ибодат намо, ва ба исми Ӯ
қасам бихӯр+.
14 Худоёни дигарро аз худоёни қавмҳое ки дар гирду пеши шумо
мебошанд, пайравӣ накунед;
15 Зеро Худованд Худои ту, ки дар миёни туст, Худои рашкнок аст;
мабодо ғазаби Худованд Худоят бар ту аланга занад, ва Ӯ туро аз рӯи
замин маҳв кунад+.
16 Худованд Худои худро наозмоед, чунон ки дар Массо озмудед+.
17 Аҳкоми Худованд Худои худро, ва шаҳодот ва фароизи Ӯро, ки
ба шумо амр фармудааст, боэҳтиёт риоя намоед.
18 Ва он чи дар назари Худованд дуруст ва некӯст, ба амал овар, то
ки барои ту некӯ бошад, ва ту омада, он замини некӯро, ки Худованд
дар бораи он ба падаронат қасам хӯрдааст, тасарруф намоӣ,
19 Ва ҳамаи душманонат аз пеши ту ба зудӣ бадар ронда шаванд,
чунон ки Худованд гуфтааст+.
20 Ва ҳангоме ки писарат дар оянда аз ту пурсида, гӯяд: „Он
шаҳодот ва фароиз ва аҳкоме ки Худованд Худои мо ба шумо амр
фармудааст, чӣ маъно дорад?“ —+
21 Пас, ба писарат бигӯ: „Мо дар Миср ғуломони фиръавн будем, ва
Худованд моро аз Миср бо дасти қавӣ берун овард+.
22 Ва Худованд аломот ва мӯъҷизоти азим ва мӯҳлик бар Миср, бар
фиръавн ва тамоми аҳли байти вай, дар пеши назари мо зоҳир сохт+.
23 Ва моро аз он ҷо берун овард, то ки моро оварда, заминеро, ки
дар бораи он ба падарони мо қасам хӯрдааст, ба мо бидиҳад.
24 Ва Худованд ба мо амр фармуд, ки тамоми ин фароизро ба амал
оварда, аз Худованд Худои худ битарсем, то ки тамоми айём барои
мо некӯ бошад, ва Ӯ моро зинда нигоҳ дорад, чунон ки имрӯз воқеъ
шудааст.
25 Ва ин барои мо адолат ҳисоб хоҳад ёфт, агар саъю кӯшиш
намоем, ки тамоми ин аҳкомро ба ҳузури Худованд Худои худ ба
амал оварем, чунон ки Ӯ ба мо амр фармудааст“+.

## Манъ кардани дӯстӣ бо бутпарастон.

**7** 1 Ҳангоме ки Худованд Худоят туро ба замине ки барои
тасарруф кардани он ба он ҷо меравӣ, дароварад, ва халқҳои
бисьёрро, яъне ҳиттиён, ва ҷирҷошиён, ва амӯриён, ва канъониён, ва
фариззиён, ва ҳиввиён, ва ябусиёнро, ки ҳафт халқи аз ту
сершумортар ва пурзӯртаранд, аз пеши ту бадар ронад,+
2 Ва онҳоро Худованд Худоят ба дасти ту бисупорад, ва ту онҳоро
зарба занӣ, — он гоҳ онҳоро тамоман торумор намо, бо онҳо аҳд
набанд, ва ба онҳо раҳм накун,+
3 Ва бо онҳо қудову анда нашав: духтаратро ба писари онҳо надеҳ,
ва духтари онҳоро барои писарат нагир;+
4 Зеро ки онҳо писаратро аз Ман дур хоҳанд кард, то ки худоёни
дигарро ибодат намояд, — ва он гоҳ ғазаби Худованд бар шумо
аланга зада, шуморо ба зудӣ маҳв хоҳад кард;+
5 Балки ба онҳо чунин амал намо: қурбонгоҳҳои онҳоро хароб
кунед, ва сутунҳои онҳоро бишканед, ва Ашераҳои онҳоро бурида
партоед, ва санамҳои онҳоро дар оташ бисӯзонед;+
6 Зеро ки ту барои Худованд Худои худ қавми муқаддас ҳастӣ;
Худованд Худоят туро баргузидааст, то аз миёни ҳамаи қавмҳое ки
дар рӯи замин ҳастанд, қавми хуҷистае барои Ӯ бошӣ+.
7 На аз он сабаб Худованд ба шумо дил бастааст ва шуморо
баргузидааст, ки шумо аз ҳамаи қавмҳо сершумортар бошед, — зеро
ки шумо аз ҳамаи қавмҳо камшумортар будед, —+
8 Балки аз он сабаб ки Худованд шуморо дӯст медошт, ва аз он
сабаб ки мехост қасамеро, ки ба падарони шумо хӯрда буд, риоя
намояд, Худованд шуморо бо дасти қавӣ берун овард, ва туро аз
хонаи ғуломӣ, аз дасти фиръавн, подшоҳи Миср, раҳо кард+.
9 Пас бидон, ки Худованд Худои ту Худост, Худои амин аст, ки аҳд
ва марҳамати Худро ба онҳое ки Ӯро дӯст медоранд ва аҳкомашро
риоя менамоянд, то ҳазор насл нигоҳ медорад,+
10 Ва онҳоеро, ки ба Ӯ адоват доранд, шахсан сазо дода, ба ҳалокат
мерасонад, ба додани мукофоти касе ки ба Ӯ адоват дорад, даранг
намекунад: сазои варо шахсан медиҳад+.
11 Пас, аҳком ва фароиз ва дастуротеро, ки ба амал овардани
онҳоро имрӯз ба ту амр мефармоям, риоя намо.

## Ваъдаи ғалаба.

[12] Ва агар ба ин дастурот гӯш андозед, ва онҳоро риоя намуда, ба
амал оваред, Худованд Худои ту аҳд ва марҳаматеро, ки дар бораи он
ба падаронат қасам хӯрдааст, барои ту нигоҳ хоҳад дошт+.
[13] Ва туро дӯст дошта, баракат хоҳад дод ва афзун хоҳад кард, ва
меваи батни ту ва ҳосили замини туро, ғаллаи ту ва шираи ангури ту
ва равғани зайтуни туро, зоиши говони ту ва афзоиши гӯсфандони
туро бар замине ки дар бораи он ба падаронат қасам хӯрдааст, ки ба
ту бидиҳад, баракат хоҳад дод.
[14] Ту бештар аз ҳамаи қавмҳо бобаракот хоҳӣ буд; дар миёни шумо
ва дар миёни чорвои шумо нар ё модаи бенасл нахоҳад буд+.
[15] Ва Худованд ҳар бемориро аз ту дур хоҳад кард; ва ҳеҷ яке аз
дардҳои сахти Мисрро, ки ту медонӣ, ба сари ту нахоҳад оварd, балки
ба сари ҳамаи бадхоҳони ту хоҳад оварd+.
[16] Ва ту ҳамаи қавмҳоеро, ки Худованд ба дастат месупорад, несту
нобуд хоҳӣ кард; бигзор чашми ту ба онҳо раҳм накунад; ва худоёни
онҳоро ибодат нанамо, зеро ки ин барои ту дом аст+.
[17] Мабодо дар дили худ бигӯӣ: „Ин халқҳо аз ман сершумортаранд;
чӣ гуна ман метавонам онҳоро бадар ронам?“
[18] Аз онҳо натарс! Он чиро, ки Худованд Худои ту ба фиръавн ва ба
тамоми Миср кард, нағз дар хотир нигоҳ дор,
[19] Яъне озмоишҳои бузургро, ки чашмонат дидааст, ва аломот ва
мӯъҷизот ва дасти қавӣ ва бозуи тӯлониро, ки Худованд Худои ту ба
воситаи онҳо туро берун оварd; Худованд Худои ту ба ҳамаи қавмҳое
ки ту аз онҳо метарсӣ, чунин хоҳад кард+.
[20] Ва занбӯри алоро низ Худованд Худои ту бар онҳо хоҳад
фиристод, то ки боқимондагон ва пинҳоншудагони онҳо аз пеши ту
маҳв шаванд+.
[21] Аз онҳо ҳаросон нашав, зеро Худованд Худои ту, ки дар миёни
туст, Худои бузург ва саҳмгин аст+.
[22] Ва Худованд Худои ту ин қавмҳоро аз пеши ту камкам бадар
хоҳад ронд; ту онҳоро наметавонӣ ба зудӣ маҳв намоӣ, мабодо
даррандагони саҳро бар ту афзун шаванд+.
[23] Ва Худованд Худои ту онҳоро ба дасти ту хоҳад супурд, ва
онҳоро ба изтироби азиме хоҳад афканд, ба тавре ки несту нобуд

хоҳанд шуд;
[24] Ва подшоҳони онҳоро ба дасти ту хоҳад супурд, ва ту номи
онҳоро аз зери осмон нест хоҳӣ кард: касе пеши ту истодагӣ нахоҳад
кард, то даме ки онҳоро маҳв намоӣ+.
[25] Ҳайкалҳои худоёни онҳоро дар оташ бисӯзонед; нуқра ва
тиллоеро, ки бар онҳост, тамаъ накун, то ки барои худ бигирӣ,
мабодо ба доми он гирифтор шавӣ; зеро ки он барои Худованд Худои
ту зишт аст+.
[26] Ва чизи зиштро ба хонаи худ дохил накун, то ки мисли он ба
ҳалокат нарасӣ; аз он нафрат намо ва худро аз он канор гир, зеро ки
он сазовори ҳалокат аст.

## Огоҳиҳо. Худованд ба сипосгузорӣ даъват менамояд.

**8** [1] Тамоми аҳкомеро, ки ман имрӯз ба шумо амр мефармоям,
саъю кӯшиш намуда ба амал оваред, то ки зинда монда, афзун
шавед, ва омада, заминеро, ки Худованд дар бораи он ба падаронатон
қасам хӯрдааст, тасарруф намоед.
[2] Ва дар хотир нигоҳ дор тамоми роҳеро, ки Худованд Худои ту ин
чил сол туро бо он дар биёбон бурд, то ки туро азият дода, биозмояд,
ва он чиро, ки дар дили туст, бидонад, ки оё аҳкоми Ӯро риоят хоҳӣ
кард ё не+?
[3] Ва Ӯ туро азият дод, ва туро гурусна мононид, ва туро манн
хӯронид, — ки на ту онро медонистӣ ва на падаронат медонистанд, —
то ба ту бифаҳмонад, ки одамизод на танҳо бо нон зиндагӣ мекунад,
балки бо ҳар калимае ки аз даҳони Худованд барояд, одамизод
зиндагӣ мекунад+.
[4] Дар давоми ин чил сол либоси ту бар танат ҷиғдаҷиғда нашуд, ва
пои ту наомосид+.
[5] Пас, андар дили худ дарк намо, ки чунон ки падар писари худро
таъдиб мекунад, Худованд Худои ту ончунон туро таъдиб кард+.
[6] Пас, ту аҳкоми Худованд Худои худро риоят бикун, то ки бо
роҳҳои Ӯ равона шавӣ ва аз Ӯ битарсӣ.
[7] Зеро ки Худованд Худоят туро ба замини некӯ мебарад, ба
замини пур аз наҳрҳои об, чашмаҳо ва ҷӯйҳо, ки дар водиҳо ва кӯҳҳо
ҷорӣ мешаванд;+
[8] Ба замини пур аз гандум ва ҷав, ва ангур ва анҷир ва анор, ба
замини пур аз равғани зайтун ва асал;
[9] Ба замине ки дар он ба танқисӣ нон нахоҳӣ хӯрд, ва дар он ба ҳеҷ
чиз мӯҳтоҷ нахоҳӣ буд; ба замине ки сангҳояш оҳан аст, ва аз
кӯҳҳояш мис хоҳӣ канд.
[10] Ва ҳангоме ки хӯрда сер шавӣ, Худованд Худои худро барои
замини некӯе ки ба ту додааст, муборак бихон.
[11] Эҳтиёт бош, мабодо Худои худро фаромӯш карда, аҳком ва
дастурот ва фароизи Ӯро, ки ман имрӯз ба ту амр мефармоям, риоят
нанамоӣ;
[12] Мабодо хӯрда сер шавӣ, ва хонаҳои некӯ бино карда, дар онҳо
сокин шавӣ,

[13] Ва говон ва гӯсфандони ту афзун шавад, ва нуқра ва тиллои ту
зиёд шавад, ва ҳар дороии ту зиёд шавад,
[14] Ва дили ту мағрур шуда, Худованд Худои худро фаромӯш кунӣ,
ки Ӯ туро аз замини Миср, аз хонаи ғуломӣ берун овард,+
[15] Ва туро аз биёбони бузург ва саҳмгини пур аз мор, аждаҳо ва
каждум, аз ҷойҳои хушки беоб гузаронид, ва барои ту аз санги хоро
об баровард,+
[16] Ва туро дар биёбон манн хӯронид, — ки падаронат онро
намедонистанд, — то ки туро азият дода, биозмояд, ва оқибат бар ту
марҳамат намояд, —+
[17] Ва дар он сурат ту дар дили худ бигӯӣ: „Қувватам ва қудрати
дастам ин сарватро барои ман пайдо кардааст“,+
[18] Ва ҳол он ки ту бояд Худованд Худои худро дар хотир нигоҳ
дорӣ, ки Ӯ ба ту қуввати пайдо кардани сарватро медиҳад, то аҳдеро,
ки дар бораи он ба падаронат қасам хӯрдааст, ба ҷо оварад, чунон ки
имрӯз воқеъ шудааст.
[19] Валекин агар ту Худованд Худои худро фаромӯш кунӣ, ва
пайрави худоёни дигар гардида, онҳоро ибодат намоӣ ва ба онҳо
саҷда барӣ, — имрӯз ба шумо шаҳодат медиҳам, ки албатта несту
нобуд хоҳед шуд.
[20] Мисли халқҳое ки Худованд онҳоро аз пеши шумо маҳв
мекунад, шумо низ маҳв хоҳед шуд, аз боиси он ки ба овози Худованд
гӯш наандохтаед+.

## Худованд ва фурӯтанӣ даъват менамояд.

9 [1] Бишнав, эй Исроил! Ту имрӯз аз Урдун убур мекунӣ, то ки
омада, халқҳоеро, ки аз ту бузургтар ва пурзӯртаранд, шаҳрҳои
бузургро, ки ҳисорҳояш сар ба фалак кашидааст, тасарруф намоӣ,
[2] Яъне қавми бузург ва қадбаланд, банӣ-Аноқро, ки дар бораи
онҳо ту медонӣ ва шунидаӣ, ки гуфтаанд: „Кист, ки пеши банӣ-Аноқ
битавонад истодагӣ намояд?“+
[3] Пас, имрӯз бидон, ки Худованд Худои ту пешопеши ту мисли
оташи сӯзанда убур менамояд; Ӯ онҳоро несту нобуд хоҳад кард, ва Ӯ
онҳоро пеши ту мағлуб хоҳад сохт, ва ту онҳоро ба зудӣ бадар ронда,
маҳв хоҳӣ кард, чунон ки Худованд ба ту гуфтааст+.
[4] Ҳангоме ки Худованд Худои ту онҳоро аз пеши ту бадар ронад,
ту дар дили худ нагӯй, ки „ба сабаби адолати ман Худованд маро
овард, то ки ин заминро тасарруф намоям“, ва ҳол он ки аз боиси
шарорати он халқҳо Худованд онҳоро аз пеши ту бадар меронад+.
[5] На аз боиси адолати худ ва ростии дили худ ту меравӣ, то ки
замини онҳоро тасарруф намоӣ, балки ба сабаби шарорати ин халқҳо
Худованд Худои ту онҳоро аз пеши ту бадар меронад, то қавлеро, ки
Худованд ба падаронат — ба Иброҳим, Исҳоқ ва Яъқуб — дода қасам
хӯрдааст, ба ҷо оварад+.
[6] Пас, бидон, ки на аз боиси адолати ту Худованд Худои ту ин
замини некӯро ба ту медиҳад, то ки онро тасарруф намоӣ, зеро ки ту
қавми гарданкаш ҳастӣ+.
[7] Дар хотир нигоҳ дор ва фаромӯш накун, ки чӣ гуна. ту Худованд
Худои худро дар биёбон ба хашм овардӣ: аз рӯзе ки шумо аз замини
Миср берун омадед, то даме ки ба ин макон расидед, шумо ба
Худованд муқобилат кардед.
[8] Ва назди Хӯриб шумо Худовандро ба хашм овардед, ва Худованд
ба шумо ғазаб намуда, мехост шуморо несту нобуд кунад:+
[9] Ҳангоме ки ман ба кӯҳ баромадам, то ки алвоҳи санг, яъне
алвоҳи аҳдеро, ки Худованд бо шумо баста буд, бигирам, ва дар кӯҳ
чил рӯз ва чил шаб истода, нон нахӯрдам ва об нанӯшидам;+
[10] Ва Худованд ду лавҳи сангро, ки бо ангушти Худо навишта шуда
буд, ба ман дод, ва бар онҳо ҳамаи суханоне буд, ки Худованд дар
кӯҳ, аз миёни оташ, дар рӯзи ҷамъомад ба шумо гуфта буд;+

[11] Ва чунин воқеъ шуд, ки дар анҷоми чил рӯз ва чил шаб
Худованд ду лавҳи санг, яъне алвоҳи аҳдро ба ман дод;
[12] Ва Худованд ба ман гуфт: „Бархоста, зуд аз ин ҷо фурӯд ой, зеро
қавми ту, ки онҳоро аз Миср берун овардӣ, фосид шудаанд; аз роҳе
ки ба онҳо амр фармудам, зуд дур шуда, бути рехтае барои худ
сохтаанд“+.
[13] Ва Худованд ба ман сухан ронда, гуфт: „Ин қавмро Ман дидам,
ва инак, онҳо қавми гарданкаш ҳастанд;
[14] Маро бигзор, то ки онҳоро несту нобуд карда, номашонро аз
зери осмон маҳв намоям, ва туро халқе гардонам, ки аз онҳо
пурзӯртар ва сершумортар бошад“+.
[15] Ва ман тоб хӯрда, аз кӯҳ фурӯд омадам, дар сурате ки кӯҳ дар
оташ месӯхт, ва ду лавҳи аҳд дар ду дастам буд.
[16] Ва дидам, ки инак, шумо пеши Худованд Худои худ гуноҳкор
гардидаед: гӯсолаи рехтае барои худ сохта, аз роҳе ки Худованд ба
шумо амр фармуда буд, зуд дур шудаед.
[17] Ва ман ду лавҳро гирифтам, ва онҳоро аз ду дасти худ партофта,
пеши назари шумо шикастам.
[18] Ва ба ҳузури Худованд мисли аввала бар рӯи худ афтодам: чил
рӯз ва чил шаб нон нахӯрдам ва об нанӯшидам, аз боиси ҳамаи
гуноҳҳое ки шумо карда, он чи дар назари Худованд бад аст, ба амал
овардед, то ки Ӯро ба хашм оваред+.
[19] Зеро ки ман аз хашм ва ғазаби Худованд, ки бар шумо аланга
зада буд, то ки шуморо маҳв созад, тарсидам; ва Худованд ҳамин
дафъа ҳам маро иҷобат намуд.
[20] Ва Худованд бар Ҳорун бағоят ғазаб намуда буд, то ки ӯро маҳв
созад, вале ман барои Ҳорун низ он вақт дуо гуфтам.
[21] Ва гуноҳи шумо, яъне гӯсоларо ки сохта будед, ман гирифтам,
ва онро дар оташ сӯзонидам, ва онро пора-пора карда, дурустакак
соидам, то ба дараҷае ки мисли ғубор гард-гард шуд, ва ғубори онро
ба наҳре ки аз кӯҳ ҷорӣ буд, партофтам+.
[22] Ва дар Табъира, Массо ва Қибрӯт-Ҳатааво шумо Худовандро ба
хашм овардед+.
[23] Ва ҳангоме ки Худованд шуморо аз Қодеш-Барнеа фиристода,
гуфт: „Рафта, заминеро, ки ба шумо медиҳам, тасарруф намоед“, —

шумо ба амри Худованд Худои худ муқобилат кардед, ва ба Ӯ имон
наовардед, ва ба овози Ӯ гӯш наандохтед+.
24 Аз рӯзе ки ман шуморо шинохтаам, шумо ба Худованд беитоатӣ
мекардед,
25 Ва ман ба ҳузури Худованд бар рӯи худ афтодам дар он чил рӯз
ва чил шаб, ки афтода будам, зеро ки Худованд мехост шуморо маҳв
созад.
26 Ва сӯи Худованд дуо хонда, гуфтам: „Худоё Худовандо! Қавми
Худ ва мероси Худро, ки бо кибриёи Худ раҳо кардаӣ ва бо дасти
қавӣ аз Миср берун овардаӣ, ба ҳалокат нарасон+.
27 Бандагони Худ — Иброҳим, Исҳоқ ва Яъқубро ба ёд овар! Ба
гарданкашии ин қавм, ба шарорат ва гуноҳи онҳо назар накун;
28 Мабодо сокинони замине ки моро аз он ҷо берун овардӣ,
бигӯянд: азбаски Худованд натавонист онҳоро ба замине ки ба онҳо
ваъда дода буд, дохил кунад, ва азбаски Ӯ аз онҳо нафрат дошт,
бинобар ин онҳоро берун овард, то ки дар биёбон онҳоро ба ҳалокат
расонад+.
29 Ва ҳол он ки онҳо қавми Ту ва мероси Ту ҳастанд, ки онҳоро бо
қуввати бузурги Худ ва бо бозуи тӯлонии Худ берун овардаӣ“+.

## Худованд махтунии дилро талаб мекунад.

10 [1] •Дар он вақт Худованд ба ман гуфт: „Ду лавҳи санг мисли
аввала барои худ битарош, ва назди Ман ба кӯҳ баро, ва сандуқе
аз чӯб барои худ бисоз;+
[2] Ва Ман бар ин алвоҳ суханонеро, ки бар алвоҳи аввалаи
шикастаи ту буд, хоҳам навишт, ва ту онҳоро дар сандуқ бимон“+.
[3] Ва ман сандуқе аз чӯби ақоқиё сохтам, ва ду лавҳи санг мисли
аввала тарошидам, ва ба кӯҳ баромадам, ва он ду лавҳ дар дастам
буд+.
[4] Ва Ӯ бар алвоҳ мисли китобати аввала даҳ аҳкомеро, ки
Худованд ба шумо дар кӯҳ, аз миёни оташ, дар рӯзи ҷамъомад гуфта
буд, навишт, ва Худованд онҳоро ба ман дод,+
[5] Ва ман тоб хӯрда, аз кӯҳ фурӯд омадам, ва алвоҳро дар сандуқе
ки сохта будам, гузоштам; ва онҳо дар он ҷо мебошад, чунон ки
Худованд ба ман амр фармуда буд+.
[6] Ва банӣ-Исроил аз Беэрӯт-Банӣ-Яъқон ба Мӯсера кӯч карданд;
дар он ҷо Ҳорун мурд ва дар он ҷо дафн карда шуд, ва писараш
Элъозор ба ҷои ӯ саркоҳин гардид+.
[7] Аз он ҷо ба Ҷудҷӯд кӯч карданд, ва аз Ҷудҷӯд — ба Ётвот, ки
заминест пур аз чашмаҳои об+.
[8] Дар он вақт Худованд сибти Левиро ҷудо кард, то ки сандуқи
аҳди Худовандро бардоранд, ба ҳузури Худованд истода, хизмати
Ӯро ба ҷо оваранд ва ба исми Ӯ баракат диҳанд, ки то имрӯз чунин
аст+.
[9] Бинобар ин Левӣ дар миёни бародарони худ ҳисса ва меросе
надорад: Худованд Худаш мероси вай аст, чунон ки Худованд Худои
ту ба вай гуфтааст+.
[10] Ва ман дар кӯҳ, мисли айёми аввала, чил рӯз ва чил шаб
истодам, ва Худованд ин дафъа низ маро иҷобат намуд, ва Худованд
нахост туро ба ҳалокат расонад+.
[11] Ва Худованд ба ман гуфт: „Бархоста, пешопеши қавм равона
шав; бигзор онҳо рафта, заминеро, ки дар бораи он ба падаронашон
қасам хӯрдаам, ки ба онҳо бидиҳам, тасарруф намоянд“+.

12 Ва алҳол, эй Исроил, Худованд Худоят аз ту чӣ талаб дорад?
Талабаш фақат ин аст, ки аз Худованд Худои худ битарсӣ, бо ҳамаи
роҳҳои Ӯ равона шавӣ, ва Ӯро дӯст бидорӣ, ва Худованд Худои худро
бо тамоми дили худ ва бо тамоми ҷони худ ибодат намоӣ,+
13 Ва аҳкоми Худованд ва фароизи Ӯро, ки ман имрӯз ба ту, барои
манфиати ту амр мефармоям, риоят кунӣ+.
14 Инак, осмон ва фалакулафлок аз они Худованд Худои туст, ва
замин ва ҳар он чи дар он аст!+
15 Аммо фақат ба падарони ту Худованд таваҷҷӯҳ намуда, онҳоро
дӯст дошт, ва насли онҳо, яъне шуморо баъд аз онҳо аз ҳамаи қавмҳо
баргузид, чунон ки имрӯз воқеъ шудааст+.
16 Пас, шумо ғилофаки дили худро махтун созед, ва минбаъд
гарданкашӣ накунед+.
17 Зеро ки Худованд Худои шумо Худои худоён ва Худованди
худовандон аст, Худои бузург, ҷаббор ва саҳмгин аст, ки рӯбинӣ
намекунад, ва ришва намегирад;+
18 Ба ятим ва бева додрасӣ менамояд, ва ғарибро дӯст дошта, ба
вай хӯрок ва пӯшок медиҳад+.
19 Пас, ғарибро дӯст бидор, зеро ки шумо дар замини Миср ғариб
будед+.
20 Аз Худованд Худои худ битарс, Ӯро ибодат намо ва ба Ӯ бичасп,
ва ба исми Ӯ қасам бихӯр+.
21 Ӯ ифтихори туст ва Ӯ Худои туст, ки барои ту ин корҳои бузург
ва аҷоибро, ки чашмонат дидааст, ба ҷо овард.
22 Падарони ту бо ҳафтод нафар ба Миср омада буданд, ва алҳол
Худованд Худоят туро мисли ситорагони осмон сершумор
гардонидааст+.

## Таваҷҷӯҳ ба итоатгарон. Лаънат ба беитоатон.

**11** 1 Пас, Худованд Худои худро дӯст бидор, ва фармони Ӯ ва
фароизи Ӯ ва дастуроти Ӯ ва аҳкоми Ӯро тамоми айём риоят
намо.
2 Ва имрӯз бидонед, — зеро ки на бо писарони шумо сухан
меронам, ки таъдиби Худованд Худои шуморо надонистаанд ва
надидаанд, яъне кибриёи Ӯ ва дасти қавии Ӯ ва бозуи тӯлонии Ӯро,
3 Ва аломот ва аъмоли Ӯро, ки андаруни Миср ба фиръавн,
подшоҳи Миср, ва ба тамоми замини вай зоҳир сохт;
4 Ва он чиро, ки Ӯ ба лашкари мисриён, ба аспҳо ва аробаҳои онҳо
кард, яъне обҳои баҳри Қулзумро бар онҳо ҷорӣ намуд, вақте ки
шуморо таъқиб мекарданд, ва Худованд онҳоро то имрӯз ба ҳалокат
расонид;+
5 Ва он чиро, ки Ӯ дар биёбон барои шумо ба амал овард, то даме
ки ба ин макон расидед;+
6 Ва он чиро, ки Ӯ бо Дотон ва Абиром, писарони Элиоб ибни
Реубен кард, яъне замин даҳони худро кушода, онҳо ва аҳли байти
онҳо ва хаймаҳои онҳо ва тамоми дороии онҳоро, ки наздашон буд,
дар миёни тамоми Исроил фурӯ бурд, —+
7 Балки бо шумо сухан меронам, ки чашмонатон тамоми аъмоли
бузурги Худовандро, ки карда буд, дидааст.
8 Пас, тамоми аҳкомеро, ки ман имрӯз ба шумо амр мефармоям,
риоя намоед, то ки қавӣ шавед, ва рафта, заминеро, ки барои
тасарруф кардани он ба он ҷо убур менамоед, тасарруф кунед,
9 Ва дар он замин, ки Худованд ба падаронатон қасам хӯрда буд,
ки онро ба онҳо ва ба насли онҳо бидиҳад, — замине ки шир ва асал
дар он ҷорист, — шумо умри дароз дошта бошед+.
10 Зеро замине ки ту барои тасарруф кардани он ба он ҷо меравӣ,
ба замини Миср, ки аз он ҷо берун омадӣ, монанд нест, ки тухмии
худро кошта, онро мисли полиз бо пои худ об медодӣ;
11 Вале замине ки шумо барои тасарруф кардани он ба он ҷо убур
менамоед, замини кӯҳҳо ва водиҳост, ки аз боришҳои осмон об
мехӯрад;+
12 Заминест, ки Худованд Худои ту ба он ғамхорӣ менамояд,
чашмони Худованд Худои ту ҳамеша, аз аввали сол то охири сол бар

он аст+.
13 Ва чунин воқеъ хоҳад шуд, ки агар ба аҳкоми Ман, ки имрӯз Ман
ба шумо амр мефармоям, гӯш андозед, то ки Худованд Худои худро
дӯст бидоред ва бо тамоми дили худ ва бо тамоми ҷони худ Ӯро
ибодат намоед,+
14 Дар он сурат борони замини шуморо, борони аввалин ва
охиринро дар сари вақт хоҳам дод, ва ту ғаллаи худ ва шираи ангури
худ ва равғани зайтуни худро ҷамъ хоҳӣ кард+.
15 Ва дар саҳрои ту барои чорвоят алаф хоҳам дод, ва ту хӯрда, сер
хоҳӣ шуд+.
16 Эҳтиёт бошед, мабодо дилатон фирефта шавад, ва шумо гумроҳ
гардида, худоёни дигарро ибодат намоед ва ба онҳо саҷда баред;
17 Ва хашми Худованд бар шумо аланга занад, ва Ӯ осмонро
бандад, ва борон наборад, ва замин ҳосили худро надиҳад, ва шумо аз
замини некӯе ки Худованд ба шумо медиҳад, ба зудӣ маҳв шавед+.
18 Пас, ин суханони Маро дар дили худ ва дар ҷони худ ҷо диҳед,
ва онҳоро ҳамчун аломат бар дасти худ бибандед, ва онҳо ҳамчун
нишона дар миёни чашмони шумо бошад+.
19 Ва онҳоро ба писарони худ таълим диҳед, ва ҳангоми
нишастанатон дар хонаи худ, ва ҳангоми роҳ рафтанатон,
хобиданатон ва бархостанатон дар бораи онҳо гуфтугӯ намоед+.
20 Ва онҳоро бар паҳлудариҳои хонаи худ ва бар дарвозаҳои худ
бинависед,+
21 То ки айёми шумо ва айёми писарони шумо дар замине ки
Худованд дар бораи он ба падаронатон қасам хӯрда буд, ки ба онҳо
бидиҳад, ончунон афзун шавад, чунон ки айёми осмон бар болои
замин аст.
22 Зеро, агар тамоми ин аҳкомро, ки ба ҷо овარданашро ман ба
шумо амр мефармоям, дуруст риоя намоед, то ки Худованд Худои
худро дӯст бидоред, бо роҳҳои Ӯ равона шавед ва ба Ӯ бичаспед,
23 Дар он сурат Худованд ҳамаи ин халқҳоро аз пеши шумо бадар
хоҳад ронд, ва шумо халқҳоеро, ки аз шумо бузургтар ва
пурзӯртаранд, мағлуб хоҳед кард.
24 Ҳар ҷое ки кафи пои шумо бар он гузошта шавад, аз они шумо
хоҳад буд; аз биёбон ва Лубнон, аз наҳр, яъне наҳри Фурот, то баҳри
ғарбӣ ҳудуди шумо хоҳад буд+.

25 Ҳеҷ кас пеши шумо ёрои истодагӣ нахоҳад дошт: тарсу воҳимаи
шуморо Худованд Худои шумо дар рӯи тамоми замине ки дар он
қадамгузор шавед, паҳн хоҳад кард, чунон ки Ӯ ба шумо гуфтааст+.
26 Инак, ман имрӯз ба шумо баракат ва лаънатро пешниҳод
мекунам:+
27 Баракатро — агар шумо ба аҳкоми Худованд Худои худ, ки ман
имрӯз ба шумо амр мефармоям, гӯш андозед;+
28 Вале лаънатро — агар шумо ба аҳкоми Худованд Худои худ гӯш
накунед, ва аз роҳе ки ман имрӯз ба шумо амр мефармоям, дур шуда,
худоёни дигарро, ки намешиносед, пайравӣ намоед+.
29 Ва ҳангоме ки Худованд Худоят туро ба замине ки барои
тасарруф кардани он меравӣ, дохил намояд, ту баракатро бар кӯҳи
Ҷаризим ба забон хоҳӣ ронд, ва лаънатро бар кӯҳи Эбол+.
30 Ин кӯҳҳо, охир, дар он тарафи Урдун воқеъ аст, аз қафои роҳи
ғуруби офтоб, дар замини канъониёне ки дар саҳро сокинанд, дар рӯ
ба рӯи Ҷилҷол, назди булутзори Мӯре+.
31 Зеро ки шумо аз Урдун убур мекунед, то ки рафта, заминеро, ки
Худованд Худои шумо ба шумо медиҳад, тасарруф намоед, ва шумо
онро тасарруф намуда, дар он сукунат хоҳед кард.
32 Пас, тамоми фароиз ва дастуротеро, ки ман имрӯз ба шумо
пешниҳод менамоям, риоя кунед.

## Дар бораи худопарастии ҳақиқӣ; барҳам додани бутпарастӣ.

12 [1] Ин аст фароиз ва дастуроте ки шумо бояд риоя намуда, дар
замине ки Худованд Худои падаронатон барои тасарруф
кардани шумо додааст, ба амал оваред, дар тамоми айёме ки шумо
дар он замин зиндагӣ хоҳед кард.
[2] Ҳамаи маконҳоеро, ки халқҳое ки шумо бадар меронед, дар он
ҷо худоёни худро ибодат мекарданд, тамоман несту нобуд кунед, хоҳ
бар кӯҳҳои баланд бошад, хоҳ бар талҳо, хоҳ зери ҳар дарахти сабз+.
[3] Қурбонгоҳҳои онҳоро бишканед, ва сутунҳои онҳоро пора-пора
кунед, ва Ашераҳои онҳоро дар оташ бисӯзонед, ва ҳайкалҳои
худоёни онҳоро нест кунед, ва номҳои онҳоро аз он макон маҳв
созед+.
[4] Барои Худованд Худои худ чунин амал накунед,
[5] Балки ба маконе ки Худованд Худои шумо аз ҳамаи сибтҳои
шумо баргузинад, то ки исми Худро дар он ҷо сокин гардонад, яъне
ба маскани Ӯ рӯй оваред, ва ба он ҷо биёед,+
[6] Ва курбониҳои сӯхтанӣ ва забҳҳои худ, ва ушрҳои худ, ва
ҳадияҳои афроштании дастҳои худ, ва назрҳои худ, ва хайроти худ,
ва нахустзодаҳои говон ва гӯсфандони худро ба он ҷо биёред.
[7] Ва дар он ҷо ба ҳузури Худованд Худои худ бихӯред, ва худатон
ва аҳли байтатон барои ҳар шуғли дасти худ, ки Худованд Худои
шумо дар он шуморо баракат додааст, хурсандӣ кунед+.
[8] Ҳар он чиро, ки мо имрӯз дар ин ҷо мекунем, яъне ҳар он чи ба
назари ҳар кас дуруст намояд, накунед+.
[9] Зеро ки то алҳол ба оромӣ ва ба мулке ки Худованд Худои шумо
ба шумо медиҳад, нарасидаед+.
[10] Вале ҳангоме ки аз Урдун убур намуда, дар замине ки Худованд
Худои шумо ба шумо ҳамчун мулк медиҳад, сокин шавед, ва Ӯ
шуморо аз ҳамаи душманонатон аз гирду пеш оромӣ диҳад, ва шумо
дар амният зиндагӣ кунед, —+
[11] Он гоҳ кадом маконе ки Худованд Худои шумо баргузинад, то
ки исми Худро дар он сокин гардонад, ба он ҷо ҳар он чиро, ки ман
ба шумо амр фармоям, биёред, яъне қурбониҳои сӯхтанӣ ва забҳҳои
худ, ушрҳо ва ҳадияҳои афроштании дастҳои худ, ва ҳар гузини
назрҳои худро, ки барои Худованд назр намоед;+

12 Ва ба ҳузури Худованд Худои худ хурсандӣ кунед, — худатон ва
писаронатон ва духтаронатон, ва ғуломатон ва канизатон, ва
левизодагоне ки дар шаҳри шумо бошанд, зеро ки онҳо бо шумо
ҳиссае ва мулке надоранд+.
13 Эҳтиёт бош, ки курбониҳои сӯхтании худро дар ҳар маконе ки
мебинӣ, тақдим накунӣ;
14 Балки фақат дар маконе ки Худованд дар яке аз сибтҳои ту
баргузинад, курбониҳои сӯхтании худро тақдим намо, ва ҳар он чи
ман ба ту амр фармоям, дар он ҷо ба амал овар.
15 Аммо гӯштро, мувофиқи тамоми ҳаваси дили худ, бар ҳасби
баракате ки Худованд Худоят ба ту бидиҳад, дар ҳамаи шаҳрҳои худ
забҳ намуда, бихӯр; шахсони наҷис ва пок метавонанд аз он
бихӯранд, чунон ки аз гӯшти ғизол ва оҳу мехӯранд.
16 Лекин хунро нахӯред; онро мисли об бар замин бирезед+.
17 Ту наметавонӣ дар шаҳрҳои худ ушри ғалла ва ширай ангур ва
равғани зайтуни худро, ва нахустзодаҳои говон ва гӯсфандони худро,
ва ҳар назреро, ки назр карда бошӣ, ва хайроти худ ва ҳадияҳои
афроштании дастҳои худро бихӯрӣ;
18 Балки онҳоро ба ҳузури Худованд Худои худ дар маконе ки
Худованд Худои ту баргузинад, бихӯр, — худат ва писарат ва
духтарат, ва ғуломат ва канизат, ва левизодагоне ки дар шаҳрҳои ту
бошанд; ва ба ҳузури Худованд Худои худ барои ҳар шуғли дасти худ
хурсандӣ намо.
19 Эҳтиёт бош, ки левизодагонро дар тамоми айёми худ, ки дар
замини худ бошӣ, тарк накунӣ+.
20 Ҳангоме ки Худованд Худоят ҳудуди туро, чунон ки ба ту
гуфтааст, васеъ кунад, ва ту бигӯӣ: „Гӯшт хоҳам хӯрд“, зеро ки дили
ту ҳаваси гӯшт хӯрдан дорад, — пас, мувофиқи тамоми ҳаваси дили
худ гӯшт бихӯр.
21 Агар маконе ки Худованд Худои ту барои сокин гардонидани
исми Худ баргузинад, аз ту дур бошад, ту аз говон ва гӯсфандони худ,
ки Худованд ба ту бидиҳад, чунон ки ба ту амр фармудаам, забҳ
намуда, дар шаҳрҳои худ мувофиқи тамоми ҳаваси дили худ бихӯр.
22 Аммо, чунон ки гӯшти ғизол ва оҳуро мехӯранд, ончунон аз он
бихӯр; шахсони наҷис ва пок метавонанд аз он бихӯранд.

[23] Фақат эҳтиёт бош, ки хунро нахӯрӣ, зеро ки хун ҷон аст, ва ту
ҷонро бо гӯшт нахӯр+.
[24] Онро нахӯр: онро мисли об бар замин бирез.
[25] Онро нахӯр, то ки барои ту ва баъд аз ту барои писаронат некӯ
бошад, вақте ки ту он чиро, ки дар назари Худованд дуруст аст, ба
амал оварӣ.
[26] Фақат қурбониҳои муқаддаси худро, ки дошта бошӣ, ва назрҳои
худро бардошта, ба маконе ки Худованд баргузинад, биё.
[27] Ва қурбониҳои сӯхтании худро, яъне гӯшт ва хуни онҳоро, бар
қурбонгоҳи Худованд Худои худ тақдим намо; ва хуни забҳҳои худро
бар қурбонгоҳи Худованд Худои худ бирез, ва гӯшти онҳоро бихӯр.
[28] Ҳамаи ин суханонро, ки ман ба ту амр мефармоям, шунида
риоя намо, то ки барои ту ва баъд аз ту барои писаронат то абад некӯ
бошад, вақте ки ту он чиро, ки дар назари Худованд Худои ту некӯ ва
дуруст аст, ба амал оварӣ.
[29] Ҳангоме ки Худованд Худои ту халқҳоеро, ки барои забт
кардани онҳо ба он ҷо меравӣ, аз пеши ту маҳв намояд, ва ту онҳоро
бадар ронда, дар замини онҳо сокин шавӣ, —
[30] Эҳтиёт бош, ки баъд аз он ки онҳо аз пеши ту маҳв шуда бошанд,
онҳоро пайравӣ намуда, ба дом наафтӣ, ва ҷӯёи худоёни онҳо шуда,
нагӯӣ: „Чӣ гунае ки ин халқҳо худоёни худро ибодат мекарданд, ман
низ чунин амал хоҳам кард“+.
[31] Бо Худованд Худои худ чунин амал накун! Зеро ки ҳар он чи дар
назари Худованд зишт аст, ва аз он Ӯ нафрат дорад, онҳо бо худоёни
худ мекарданд; онҳо ҳатто писарон ва духтарони худро барои
худоёни худ дар оташ месӯзониданд+.
[32] Ҳар он чи ман ба шумо амр мефармоям, саъю кӯшиш намуда
онро ба амал оваред; чизе бар он илова нанамоед ва чизе аз он кам
накунед+.

## Имтиҳони анбиёи козиб ва ҷазои онҳо.

**13** [1] Агар дар миёни шумо набие ё бинандаи хобҳо пайдо шуда,
аломате ё мӯъҷизае ба ту нишон диҳад,+
[2] Ва он аломат ё мӯъҷиза, ки дар бораи он ба ту сухан ронда буд,
ба амал ояд, ва ӯ бигӯяд: „Биё, то худоёни дигарро, ки намешинохтӣ,
пайравӣ намоем, ва онҳоро ибодат кунем“, —+
[3] Ту ба суханони он набӣ ё он бинандаи хобҳо гӯш надеҳ, зеро ки
Худованд Худои шумо шуморо имтиҳон мекунад, то бидонад, ки оё
Худованд Худои худро бо тамоми дили худ ва бо тамоми ҷони худ
дӯст медоред?
[4] Худованд Худои худро пайравӣ кунед, ва аз Ӯ битарсед, ва
аҳкоми Ӯро риоя намоед, ва ба овози Ӯ гӯш диҳед, ва Ӯро ибодат
кунед, ва ба Ӯ бичаспед.
[5] Ва он набӣ ё он бинандаи хобҳо бояд ба қатл расонида шавад,
зеро ки вай дар бораи Худованд Худои ту, ки туро аз замини Миср
берун овард, ва туро аз хонаи ғуломӣ раҳо кард, суханони
фитнаангез гуфтааст, то туро аз роҳе ки Худованд Худоят ба ту амр
фармуд, ки бо он равона шавӣ, гумроҳ созад; ва шароратро аз миёни
худ барҳам хоҳӣ дод+.
[6] Агар бародарат, ки писари модарат бошад, ё писарат, ё духтарат,
ё завҷаи ҳамоғӯшат, ё дӯсти ҷонията туро пинҳонӣ иғво намуда, гӯяд:
„Биё, то худоёни дигарро, ки ту ва падаронат намешинохтед, ибодат
кунем“,
[7] Аз миёни худоёни қавмҳое ки дар гирду пеши шумо мебошанд,
хоҳ ба ту наздик, хоҳ аз ту дур бошанд, аз як канори замин то канори
дигари он, —
[8] Ту ба сухани вай розӣ нашав ва ба вай гӯш надеҳ, ва бигзор
чашми ту ба вай раҳм накунад, ва ту ба вай шафқат намуда, варо
пинҳон накун,+
[9] Балки ҳатман варо ба қатл бирасон; бигзор аввал дасти ту барои
қатли вай дароз карда шавад, ва баъд дасти тамоми қавм+.
[10] Варо сангсор кун, то ки бимирад, зеро ки вай мехост туро аз
Худованд Худоят, ки туро аз замини Миср, аз хонаи ғуломӣ берун
овард, дур созад+.

11 Ва тамоми Исроил инро шунида, хоҳанд тарсид, ва минбаъд
чунин шароратро дар миёни шумо ба амал нахоҳанд овард.
12 Агар бишнавӣ, ки дар яке аз шаҳрҳоят, ки Худованд Худои ту
барои сукунат ба ту медиҳад,
13 Шахсони нобакоре аз миёни ту пайдо шудаанд, ва сокинони
шаҳри худро ба васваса андохта, гуфтаанд: „Биравем ва худоёни
дигарро, ки намешинохтед, ибодат кунем“,+
14 Ту дурустакак ҷустуҷӯ ва тафтиш ва пурсиш намо, ва инак, агар
ин ҳодиса рост ва аниқ барояд, яъне дар миёни ту ин амали зишт рӯй
дода бошад, —
15 Сокинони он шаҳрро бо дами шамшер сахт зарба бизан; онро бо
ҳар чизе ки дар он аст, ва чорпоёнашро бо дами шамшер несту нобуд
бикун.
16 Ва тамоми ғанимати онро андаруни майдони он ҷамъ кун, ва
шаҳрро бо тамоми ғаниматаш ба исми Худованд Худои худ дар оташ
комилан бисӯзон; ва он то абад харобазор хоҳад монд, бори дигар
бино нахоҳад ёфт+.
17 Ва аз он чи несту нобуд карда мешавад, чизе ба дастат начаспад,
то ки Худованд оташи хашми Худро хомӯш карда, ба ту марҳамат
намояд, ва ба ҳоли ту раҳмаш омада, туро афзун гардонад, чунон ки
ба падаронат қасам хӯрдааст,+
18 Агар ту овози Худованд Худои худро гӯш карда, тамоми аҳкоми
Ӯро, ки ман имрӯз ба ту амр мефармоям, риоя намоӣ, яъне он чи дар
назари Худованд Худои ту дуруст аст, ба амал оварӣ.

## Манъ кардани урфу одатҳои бутпарастон оид ба мурдагон.

**14** [1] Шумо писарони Худованд Худои худ ҳастед; барои
мурдагон бадани худро харош накунед, ва мӯйҳои пешонии
худро, ки аз болои чашмон аст, натарошед+.
[2] Зеро ки ту барои Худованд Худои худ қавми муқаддас ҳастӣ, ва
Худованд туро баргузидааст, то аз ҳамаи қавмҳое ки дар рӯи замин
мебошанд, қавми гузине барои Ӯ бошӣ+.

## Дастурот дар бораи хӯрок.

[3] •Ҳеҷ чизи зиштро нахӯр.

[4] Ин аст ҳайвоноте ки метавонед бихӯред: гов, гӯсфанд ва буз,
[5] Оҳу ва ғизол ва гавазн, ва бузи кӯҳӣ ва зубр, ва қутос ва говмеш.
[6] Ва ҳар чорпои сумдор, ки қӯшсум бошад, ва хӯрокашро кавша
кунад, — онро бихӯред.
[7] Аммо инҳоро аз кавшакунандагон ва сумдорон нахӯред: шутур
ва харгӯш ва заргӯшро, зеро ки онҳо кавшакунандаанд, валекин
сумашон қӯшсум нест, — онҳо барои шумо наҷисанд;
[8] Ва хукро, зеро ки он сумдор аст, валекин кавша намекунад, — он
барои шумо наҷис аст; аз гӯнти онҳо нахӯред, ва ба лошаи онҳо
нарасед.
[9] Аз ҳар чи дар об аст, инҳоро метавонед бихӯред: ҳар он чи пар ва
пулакча дорад, — метавонед бихӯред;
[10] Ва ҳар он чи пар ва пулакча надорад, нахӯред, — он барои шумо
наҷис аст.
[11] Аз ҳар парандаи пок бихӯред.
[12] Вале аз инҳо набояд бихӯред: уқоб, ва каргас, ва бургут,
[13] Ва калхот, ва шоҳин, ва боз бо зоти он;
[14] Ва ҳар зоғ бо зоти он;
[15] Ва шутурмурғ, ва бум, ва моҳихӯрак, ва қарчиғай бо зоти он;
[16] Чуғз, ва ибис, ва қу,
[17] Ва мурғи саққо, ва лошахӯр, ва бақлон;
[18] Ва лаклак, ва куланг бо зоти он, ва ҳудҳуд, ва кӯршабпарак.
[19] Ва ҳар ҳашароти болдор барои шумо наҷис аст, набояд онҳо
хӯрда шавад.
[20] Аз ҳар парандаи пок бихӯред.

21 Ҳеҷ лошаро нахӯред; ба ғарибе ки дар шаҳри туст, бидеҳ, то ки
бихӯрад, ё ба аҷнабие бифрӯш; зеро ки ту барои Худованд Худои худ
қавми муқаддас ҳастӣ. Бузғоларо дар шири модари он напаз+.
22 Аз тамоми ҳосилоти тухмии худ, ки сол ба сол аз киштзор
мерӯяд, ушр бидеҳ+.
23 Ва ба ҳузури Худованд Худои худ дар маконе ки Ӯ баргузинад,
то ки исми Худро дар он ҷо сокин гардонад, ушри ғалла, шираи ангур
ва равғани зайтуни худ, ва нахустзодаҳои говон ва гӯсфандони худро
бихӯр, то таълим гирӣ, ки аз Худованд Худои худ тамоми айём бояд
битарсӣ.
24 Вале агар роҳ барои ту дур бошад, ба тавре ки натавонӣ онро
бардошта барӣ, яъне агар маконе ки Худованд Худои ту баргузинад,
то исми Худро дар он ҷо сокин гардонад, аз ту дур бошад, ва
Худованд Худоят туро баракат дода бошад, —
25 Пас, онро ба нуқра иваз намо, ва нуқраро ба дасти худ гирифта,
ба маконе ки Худованд Худои ту баргузинад, бирав;
26 Ва он нуқраро барои ҳар чизе ки дилат ҳавас дошта бошад:
барои гов ва гӯсфанд, ва шароб ва бӯза, ва ҳар чизе ки дилат аз ту
талаб кунад, бидеҳ; ва дар он ҷо ба ҳузури Худованд Худои худ бихӯр,
ва худат бо аҳли байтат хурсандӣ бикун.
27 Ва левизодаро, ки дар шаҳри туст, тарк накун, зеро ки вай бо ту
ҳиссае ва мулке надорад+.
28 Баъд аз гузаштани се сол тамоми ушри ҳосилоти худро дар он
сол берун оварда, назди дарвозаи шаҳри худ бимон;+
29 Ва левизодае ки бо ту ҳисса ва мулке надорад, ва ғариб ва ятим
ва бевае ки дар шаҳри ту мебошанд, омада, бихӯранд ва сер шаванд,
то ки Худованд Худоят туро дар ҳар амали дастат, ки мекунӣ,
баракат диҳад.

## Дар бораи солҳои муоф[247].

15 [1] Дар соли ҳафтум муоф намо+.
[2] Масъалаи муоф чунин аст: ҳар қарзхоҳе ки ба ёри худ қарз
дода бошад, бояд муоф намояд ва аз ёр ва бародари худ адои қарзро
талаб накунад, зеро ки барои Худованд муоф эълон карда шудааст.
[3] Аз аҷнабӣ талаб бикун, вале аз он чи, ки бародарат бояд ба ту адо
намояд, дасти худро бикаш+.
[4] Набояд назди ту эҳтиёҷманде бошад, зеро ки Худованд туро дар
замине ки Худованд Худои ту ҳамчун мулк барои тасарруф карданат
медиҳад, ҳатман баракат хоҳад дод,
[5] Агар овози Худованд Худои худро бодиққат гӯш карда, саъю
кӯшиш намоӣ, ки тамоми ин аҳкомро, ки ман имрӯз ба ту амр
мефармоям, ба амал оварӣ,
[6] Зеро Худованд Худоят туро, чунон ки ба ту гуфтааст, баракат
хоҳад дод; ва ту ба халқҳои бисьёр қарз хоҳӣ дод, вале худат қарз
нахоҳӣ гирифт; ва ту бар халқҳои бисьёр ҳукмронӣ хоҳӣ кард, вале
бар ту хукмронӣ нахоҳанд кард+.
[7] Агар назди ту, дар яке аз шаҳрҳои ту, дар замине ки Худованд
Худоят ба ту медиҳад, яке аз бародарони ту эҳтиёҷманд бошад, дили
худро сахт накун ва дасти худро аз бародари эҳтиёҷманди худ
набанд,
[8] Балки дасти худро албатта барои вай кушода, мувофиқи эҳтиёҷи
вай, ба қадри кофӣ ба вай қарз бидеҳ+.
[9] Эҳтиёт бош, ки фикри баде дар дилат пайдо шуда, ту нагӯӣ:
„Соли ҳафтум, яъне соли муоф, наздик меояд“, ва назари ту ба
бародари эҳтиёҷманди ту бад шуда, ба вай қарз надиҳӣ, — вай аз
дасти ту сӯи Худованд фиғон хоҳад кард, ва ин барои ту гуноҳ хоҳад
буд.
[10] Ҳатман ба вай қарз бидеҳ, ва ҳангоме ки ба вай медиҳӣ, дилат
малул нашавад; зеро ки дар ивази он Худованд Худоят туро дар
тамоми аъмолат ва дар ҳар шуғли дастат баракат хоҳад дод.
[11] Зеро ки эҳтиёҷманд дар рӯи замин ҳамеша хоҳад буд, бинобар
ин ман ба ту амр фармуда, мегӯям: дасти худро барои бародари
камбағал ва эҳтиёҷманди худ дар замини худ ҳатман бикшо+.

[12] Агар бародари ту, мард ё зани ибронӣ, ба ту фурӯхта шавад, вай
бояд шаш сол назди ту ғулом бошад, ва дар соли ҳафтум ту варо аз
пеши худ озод карда бифирист+.
[13] Ва ҳангоме ки варо аз пеши худ озод карда мефиристӣ, варо
тиҳидаст нафирист,
[14] Балки варо аз рамаи худ ва аз хирмани худ ва аз чархушти худ
таъмин намо: ба андозае ки Худованд Худоят туро баракат дода
бошад, ба вай бидеҳ.
[15] Ва дар хотир нигоҳ дор, ки ту дар замини Миср ғулом будӣ, ва
туро Худованд Худои ту фидия дода раҳо кард; бинобар ин ман
имрӯз инро ба ту амр мефармоям.

## Дар бораи ғуломони «якумрӣ».

[16] Валекин агар вай ба ту гӯяд: „Аз пеши ту намеравам“, зеро ки
вай туро ва хонадони туро дӯст доштааст, ва аҳволаш назди ту
некӯст, —
[17] Дар он сурат бигизе бигир ва гӯши варо ба дар часпонида, сӯрох
кун, ва вай ғуломи якумрии ту хоҳад буд; ва бо канизи худ низ чунин
амал намо+.
[18] Бигзор ба назари ту сахт нанамояд, ки варо озод карда
мефиристӣ, зеро ки вай дар зарфи шаш сол ду баробари муздури
кироя барои ту хизмат кардааст; ва Худованд Худои ту дар ҳар коре
ки мекунӣ, туро баракат хоҳад дод.
[19] Ҳамаи нахустзодаҳои наринаро, ки аз говон ва гӯсфандони ту
зоида мешавад, барои Худованд Худои худ тақдис намо; бо
нахустзодаи наргови худ кор накун, ва аз нахустзодаи гӯсфанди худ
пашм натарош+.
[20] Ба ҳузури Худованд Худои худ онро сол ба сол, дар маконе ки
Худованд баргузинад, ту ва аҳли байти ту бихӯред.
[21] Вале агар он ягон айбе дошта бошад, яъне ланг ё кӯр бошад, ё
ҳар гуна нуқсони дигараш бошад, онро барои Худованд Худои худ
забҳ накун+.
[22] Онро дар истиқоматгоҳи худ бихӯр, шахсони наҷис ва пок
мисли ғизоле ва мисли оҳуе бихӯранд.
[23] Лекин хуни онро нахӯр: онро мисли об бар замин бирез+.

## Дар бораи ид кардани фисҳ.

16 [1] •Моҳи абибро риоя намо, ва фисҳро барои Худованд Худои
худ ба ҷо овар; зеро ки дар моҳи абиб туро Худованд Худои ту аз
Миср шабона берун овард.
[2] Ва фисҳро аз гӯсфандон ва говон барои Худованд Худои худ забҳ
намо, дар маконе ки Худованд баргузинад, то ки исми Худро дар он
ҷо сокин гардонад.
[3] Бо он хамиртуруш нахӯр, ҳафт рӯз фатир, яъне нони мазаллат,
бо он бихӯр, — зеро ки шитобкорона аз замини Миср берун омадӣ, —
то ки рӯзи берун омаданатро аз замини Миср тамоми айёми
зиндагии худ дар хотир нигоҳ дорӣ+.
[4] Ва дар тамоми худуди ту набояд ҳафт рӯз хамиртуруш дида
шавад; ва аз гӯште ки ту бегоҳии рӯзи якум забҳ мекунӣ, набояд чизе
то субҳ боқӣ бимонад+.
[5] Дар ҳеҷ яке аз шаҳрҳои худ, ки Худованд Худоят ба ту медиҳад,
наметавонӣ фисҳро забҳ намоӣ,
[6] Балки фақат дар маконе ки Худованд Худои ту баргузинад, то ки
исми Худро дар он ҷо сокин гардонад, — дар он макон фисҳро
бегоҳирӯзӣ, ҳангоми ғуруб кардани офтоб, ки вақти берун омаданат
аз Миср аст, забҳ намо.
[7] Ва онро дар маконе ки Худованд Худои ту баргузинад, бирьён
бикун ва бихӯр, ва бомдодон тоб хӯрда, ба хаймаҳои худ бирав.
[8] Шаш рӯз фатир бихӯр, ва дар рӯзи ҳафтум ҷашн аст барои
Худованд Худои ту; ҳеҷ кор накун.

## Дар бораи иди ҳафтаҳо ва иди хаймаҳо.

[9] Ҳафт ҳафта барои худ бишумор; аз вақте ки дос ба дарав шурӯъ
кунад, ба шумурдани ҳафт ҳафта оғоз намо+.
[10] Ва иди ҳафтаҳоро барои Худованд Худои худ бо ҳадияи дасти
босаховати худ ба ҷо овар, ки онро бар ҳасби баракате ки Худованд
Худоят ба ту бидиҳад, тақдим хоҳӣ кард.
[11] Ва ба ҳузури Худованд Худои худ хурсандӣ бикун, — ту ва
писарат ва духтарат, ва ғуломат ва канизат, ва левизодае ки дар
шаҳри туст, ва ғариб ва ятим ва бевае ки дар миёни туст, — дар

маконе ки Худованд Худои ту баргузинад, то ки исми Худро дар он ҷо сокин гардонад.

12 Ва дар хотир нигоҳ дор, ки ту дар Миср ғулом будӣ, пас саъю
кӯшиш намо, ки ин фароизро ба ҷо оварӣ+.
13 Иди хаймаҳоро, баъд аз он ки аз хирмани худ ва аз чархушти
худ ғунучин намоӣ, ҳафт рӯз ба ҷо овар+.
14 Ва дар иди худ хурсандӣ бикун, — ту ва писарат ва духтарат, ва
ғуломат ва канизат, ва левизода ва ғариб ва ятим ва бевае ки дар
шаҳри туст.

## Мардон бояд ба ҳузури Худованд ҳозир шаванд.

15 Ҳафт рӯз барои Худованд Худои худ дар маконе ки Худованд
баргузинад, ид бикун, зеро ки Худованд Худои ту дар тамоми
ҳосилоти ту ва дар тамоми аъмоли дасти ту баракат хоҳад дод, ва ту
бағоят хурсанд хоҳӣ шуд.
16 Се карат дар як сол ҳамаи мардони ту бояд ба ҳузури Худованд
дар маконе ки Ӯ баргузинад, ҳозир шаванд: дар иди фатир ва дар иди
ҳафтаҳо ва дар иди хаймаҳо; ва ба хузури Худованд набояд тиҳидаст
ҳозир шаванд,
17 Балки ҳар кас бояд бо пешкаши дасти худ ҳозир шавад, бар
ҳасби баракате ки Худованд Худоят ба ту бидиҳад.
18 Доварон ва нозиронро дар ҳамаи шаҳрҳое ки Худованд Худоят
ба ту медиҳад, барои худ бар ҳасби сибтҳои худ таъин намо, то ки
қавмро бо адлу инсоф доварӣ кунанд+.
19 Дар доварӣ каҷкорӣ нанамо, рӯйбинӣ накун, ва ришва нагир,
зеро ки ришва чашмони ҳакимонро кӯр ва суханони одилонро
таҳриф мекунад+.
20 Адолатро, адолатро ҷӯё бош, то ки зинда бимонӣ ва заминеро,
ки Худованд Худоят ба ту медиҳад, тасарруф намоӣ.
21 Барои Ашерае ки мехоҳӣ аз баҳри худ бисозӣ, ҳеҷ як дарахте
назди қурбонгоҳи Худованд Худои худ нашинон;+
22 Ва сутуне барои худ, ки Худованд Худои ту аз он нафрат дорад,
барпо накун.

## Дар бораи беайбии қурбониҳое ки барои Худо тақдим карда мешавад.

17 1 Гов ва гӯсфандеро, ки айбе ё нуқсони дигаре дошта бошад,
барои Худованд Худои худ забҳ накун, зеро ки он дар назари
Худованд Худои ту зишт аст+.
2 Агар дар миёни ту, дар яке аз шаҳрҳои ту, ки Худованд Худоят ба
ту медиҳад, марде ё зане пайдо шавад, ки дар назари Худованд Худои
ту кори баде карда, аҳди Ӯро поймол намояд,
3 Ва рафта, худоёни дигарро ибодат кунад, ва ба онҳо саҷда барад,
ё ба офтоб, ё ба моҳ, ё ба ҳар яке аз лашкари осмон, ки ман амр
нафармудаам;
4 Ва ту хабар ёфта, бишнавӣ, пас дурустакак тафтиш намо, ва инак,
агар ҳақиқатан рост бошад, ки ин кори зишт дар Исроил ба амал
оварда шудааст, —
5 Дар он сурат ту он мард ё он занро, ки чунин кори бад кардаанд,
назди яке аз дарвозаҳоят берун овар, ва он мард ё занро сангсор кун,
то ки бимиранд+.
6 Бар тибқи гувоҳии ду шоҳид ё се шоҳид, он шахси сазовори қатл
бояд кушта шавад; бар тибқи гувоҳии як шоҳид набояд кушта
шавад+.
7 Бигзор аввал дасти шоҳидон бар ӯ барои куштани ӯ бардошта
шавад, ва баъд аз он — дасти тамоми қавм; ва шароратро аз миёни
худ барҳам хоҳӣ дод+.

## Дар бораи итоат кардан ба ҳокимият.

8 Агар чизе барои ту нофаҳмо бошад дар муайян кардани фарқ дар
миёни хун ва хун, дар миёни даъво ва даъво ва дар миёни осеб ва
осеб, аз мурофиаҳое ки назди дарвозаҳои ту ба вукӯъ меоянд, — ту
бархоста, ба маконе ки Худованд Худои ту баргузинад, бирав,
9 Ва назди коҳинони левизода ва назди доваре ки дар он рӯзҳо
бошад, омада, бипурс, ва онҳо фатвои қонунро ба ту баён хоҳанд
кард+.
10 Ва ту бар тибқи ҳукме ки онҳо аз он макони баргузидаи
Худованд ба ту баён мекунанд, амал намо, ва ҳар он чиро, ки ба ту
таълим диҳанд, боэҳтиёт ба ҷо овар.

[11] Бар тибқи қонуне ки онҳо ба ту таълим диҳанд, ва бар тибқи
фатвое ки онҳо ба ту баён кунанд, амал намо; аз сухане ки онҳо ба ту
бигӯянд, ба тарафи рост ё чап майл накун.
[12] Ва касе ки бадқасдона амал карда, ба коҳине ки барои хизмати
Худованд Худои ту дар он ҷо меистад, ё ба довар гӯш надиҳад, — он
кас бояд ба қатл расонида шавад; ва шароратро аз миёни худ барҳам
хоҳӣ дод.
[13] Ва тамоми қавм инро шунида, хоҳанд тарсид, ва дигар
бадқасдона амал нахоҳанд кард.
[14] Ҳангоме ки ту ба замине ки Худованд Худоят ба ту медиҳад,
биёӣ, ва онро тассарруф намуда, дар он сокин шавӣ, ва бигӯӣ:
„Мисли ҳамаи халқҳое ки дар гирду пеши ман ҳастанд, подшоҳе бар
худ таъин хоҳам намуд“ —+
[15] Ҳатман подшоҳеро, ки Худованд Худои ту баргузинад, бар худ
таъин намо; аз миёни бародарони худ подшоҳеро бар худ таъин
намо; шахси аҷнабиро, ки аз бародарони ту набошад, наметавонӣ бар
худ таъин намоӣ+.
[16] Аммо бигзор вай аспҳоро барои худ афзун накунад, ва қавмро ба
Миср барнагардонад, то ки аспҳоро афзун намояд; ва ҳол он ки
Худованд ба шумо гуфтааст: „Бори дигар бо ин роҳ барнагардед“+.
[17] Ва бигзор вай занонро барои худ афзун нанамояд, то ки дилаш
фосид нашавад; ва бигзор нуқра ва тиллоро барои худ бисьёр афзун
накунад+.
[18] Ва ҳангоме ки вай бар тахти мамлакати худ биншинад, бигзор
нусхаи ин қонунро аз китобе ки назди коҳинони левизода аст, барои
худ бинависад.
[19] Ва он назди вай бошад, ва онро вай тамоми айёми зиндагии худ
бихонад, то таълим гирад, ки вай бояд аз Худованд Худои худ
битарсад, ва саъю кӯшиш кунад, ки ҳамаи суханони ин қонун ва ин
фароизро ба ҷо оварад,+
[20] Бе он ки дили вай бар бародарони вай мағрур гардад, ва бе он ки
вай аз ин амр ба тарафи рост ё чап майл кунад, то ки вай ва
писаронаш айёми зиёде бар мамлакати худ қоим бошанд.

## Дар бораи нафақаи коҳинон.

18 [1] Коҳинони левизода, тамоми сибти Левӣ ҳиссае ва мулке бо
Исроил нахоҳанд дошт; онҳо бояд қурбониҳои оташини
Худованд ва ҳиссаи Ӯро бихӯранд.
[2] Пас, вай мулке дар миёни бародарони худ нахоҳад дошт:
Худованд мулки вай аст, чунон ки Ӯ ба вай гуфтааст+.
[3] Ва ин аст ҳаққи коҳинон аз ҷониби қавм, аз ҷониби онҳое ки гов
ё гӯсфандро забҳ мекунанд: онҳо бояд соқи пеш ва ҷоғҳо ва
ишкамбаро ба коҳин бидиҳанд+.
[4] Навбари ғалла, шираи ангур ва равғани зайтуни худро, ва
навбари пашми гӯсфандони худро ба вай бидеҳ+.
[5] Зеро Худованд Худои ту варо аз ҳамаи сибтҳо баргузидааст, то
ки вай ва писаронаш тамоми айём истода, ба исми Худованд хизмат
кунанд.
[6] Ва агар левизодае аз яке аз шаҳрҳои ту, аз тамоми Исроил, ки дар
он ҷо сокин бошад, биёяд, бигзор вай мувофиқи тамоми орзуи дили
худ ба маконе ки Худованд баргузинад, биёяд,+
[7] Ва ба исми Худованд Худои худ мисли ҳамаи бародарони
левизодаи худ, ки дар он ҷо ба ҳузури Худованд меистанд, хизмат
кунад;
[8] Бигзор онҳо ҳиссаҳои баробар бихӯранд, ғайр аз он чи вай аз
фурӯхтани молу мулки худ пайдо карда бошад.

## Манъи бутпарастӣ.

[9] Ҳангоме ки ту ба замине ки Худованд Худоят ба ту медиҳад,
биёӣ, таълим нагир, ки бар тибқи корҳои зишти он халқҳо амал
намоӣ+.
[10] Бигзор дар миёни ту на касе ёфт шавад, ки писараш ё
духтарашро аз оташ мегузаронда бошад, на ҷодугаре, на чашмбанде,
на фолбине, на афсунгаре, —+
[11] На найрангсозе, на пурсандаи арвоҳе, на азоимхоне ва на касе
ки мурдагонро даъват менамояд,+
[12] Зеро ҳар касе ки ин корҳоро мекунад, дар назари Худованд зишт
аст, ва маҳз аз боиси ҳамин корҳои зишт Худованд Худои ту онҳоро
аз пеши ту бадар меронад.

13 Ба ҳузури Худованд Худои худ беайб бош.
14 Зеро ин халқҳое ки ту онҳоро бадар меронӣ, ба чашмбандон ва
ҷодугарон гӯш медиҳанд, валекин туро Худованд Худои ту
намегузорад, ки чунин рафтор намоӣ.

## Нубувват дар бораи Масеҳ.

15 Пайғамбаре мисли ман аз миёни ту, аз бародарони ту Худованд
Худоят барои ту ба майдон хоҳад овард; ба Вай гӯш диҳед+.
16 Бар тибқи ҳар он чи ту дар Ҳӯриб, дар рӯзи ҷамъомад, аз
Худованд Худои худ пурсида, гуфтӣ: „Овози Худованд Худои худро
дигар нашнавам, ва ин оташи азимро дигар набинам, мабодо
бимирам“, —+
17 Худованд ба ман гуфт: „Он чи онҳо гуфтанд, хуб аст+.
18 Набие, мисли ту, Ман барои онҳо аз миёни бародарони онҳо ба
майдон хоҳам овард, ва суханони Худро ба даҳони Вай хоҳам гузошт,
ва ҳар он чи ба Вай амр фармоям, ба онҳо хоҳад гуфт;+
19 Ва касе ки ба суханони Ман, ки Вай ба исми Ман гӯяд, гӯш
наандозад, Ман ӯро танбеҳ хоҳам дод.

## Имтиҳони анбиё.

20 Аммо набие ки қасдан ба исми Ман сухане гӯяд, ки ба гуфтанаш
амр нафармудаам, ё ба исми худоёни дигар сухан гӯяд, — он набӣ
бояд ба қатл расонида шавад“+.
21 Ва агар дар дили худ гӯӣ: „Суханеро, ки Худованд нагуфта
бошад, чӣ гуна бишносем?“ —
22 Пас, сухане ки набӣ ба исми Худованд гӯяд, вале он ба амал
наояд ва иҷро нашавад, он суханест, ки Худованд нагуфтааст, балки
набӣ бо қасди бад гуфтааст, — аз ӯ натарс.

## Дар бораи шаҳрҳои гурезгоҳ.

**19**

1 •Ҳангоме ки Худованд Худои ту халқҳоеро, ки Худованд Худои ту заминашонро ба ту медиҳад, маҳв намояд, ва ту вориси онҳо гардида, дар шаҳрҳо ва хонаҳои онҳо сокин шавӣ, —

2 Се шаҳрро барои худ андаруни замини худ, ки Худованд Худоят онро барои тасарруф кардан ба ту медиҳад, ҷудо кун.

3 Роҳе барои худ бисоз, ва ҳудуди замини худро, ки Худованд Худоят онро ҳамчун мулк ба ту медиҳад, ба се қисм тақсим намо, то ки ҳар қотил ба он ҷо бигрезад.

4 Ва ин аст қонун барои қотиле ки метавонад ба он ҷо гурехта, зинда бимонад: касе ки ёри худро нодониста куштааст, дар сурате ки пештар ба вай душман набуд;

5 Масалан, касе ки бо ёри худ барои дарахтбурӣ ба ҷангал омадааст, ва дасташ табарро барои буридани дарахт қулоч кашида задааст, вале оҳан аз табардаста баромада, ба ёри вай хӯрдааст, ва ӯ кушта шудааст, — бигзор вай ба яке аз ин шаҳрҳо бигрезад, то ки зинда бимонад;+

6 Мабодо хунхоҳ дар вақти гармии дили худ қотилро таъқиб кунад, ва бо вуҷуди дурии роҳ, ба ӯ расида гирифта, ӯро бикушад, ва ҳол он ки ӯ сазовори қатл нест, зеро ки пештар ба вай душман набуд.

7 Бинобар ин ман ба ту амр фармуда, мегӯям: се шаҳрро барои худ ҷудо кун.

8 Ва ҳангоме ки Худованд Худоят худуди туро, чунон ки ба падаронат қасам хӯрдааст, васеъ кунад, ва тамоми заминеро, ки ба падаронат додани онро ваъда кардааст, ба ту бидиҳад, —

9 Ва ту тамоми ин аҳкомро, ки ман имрӯз ба ту амр мефармоям, риоя намуда ба амал оварӣ, то ки Худованд Худои худро дӯст дошта, тамоми айём бо роҳҳои Ӯ биравӣ, — он гоҳ бар ин се шаҳр барои худ се шаҳри дигар илова намо,

10 Ва бигзор андаруни замини ту, ки Худованд Худоят ҳамчун мулк ба ту медиҳад, хуни ноҳақ рехта нашавад: гуноҳи он хун бар гардани ту хоҳад буд+.

11 Валекин агар касе ба ёри худ душман шуда, бар вай камин гирад, ва ба зидди вай бархоста, варо зарба зада бикушад, ва ба яке аз

ин шаҳрҳо бигрезад, —+
[12] Он гоҳ пирони шаҳри вай бояд фиристода, варо аз он ҷо
бигиранд, ва ба дасти хунхоҳ варо бисупоранд, то ки ба қатл
расонида шавад.
[13] Бигзор чашми ту ба онҳо раҳм накунад, то ки хуни ноҳақро аз
Исроил барҳам диҳӣ, ва барои ту некӯ бошад+.
[14] Марзаи ёри худро, ки аҷдод дар мулки ту кашидаанд, вайрон
накун, — дар мулке ки ба даст хоҳӣ овард дар замине ки Худованд
Худоят барои тасарруф кардани он ба ту медиҳад+.
[15] Бигзор ба муқобили касе дар бобати ҳар хато ва ҳар ҷиноят, дар
бобати ҳар гуноҳе ки вай карда бошад, як шоҳид баромад накунад,
балки бо гувоҳии ду шоҳид, ё бо гувоҳии се шоҳид мурофиа ба амал
ояд+.
[16] Агар шоҳиди козибе ба муқобили касе баромад карда, дар ҳаққи
вай тӯҳмат кунад, —+
[17] Бигзор он ду касе ки дар миёнашон даъвое мавҷуд аст, ба ҳузури
Худованд, ба ҳузури коҳинон ва доварone ки дар он рӯзҳо бошанд,
ҳозир шаванд;+
[18] Ва доварон дурустакак тафтиш кунанд, ва инак, маълум
шудааст, ки он шоҳид шоҳиди козиб аст, яъне дар ҳаққи бародари
худ шаҳодати бардурӯғ додааст, —
[19] Пас, дар ҳаққи вай ончунон амал кунед, чунон ки вай қасди бад
дошт, ки дар ҳаққи бародари худ амал кунад; ва ту шароратро аз
миёни худ барҳам хоҳӣ дод+.
[20] Ва дигарон инро шунида, ҳаросон хоҳанд шуд, ва минбаъд
чунин кори бад дар миёни ту нахоҳанд кард.
[21] Бигзор чашми ту раҳм накунад: ҷон дар ивази ҷон, чашм дар
ивази чашм, дандон дар ивази дандон, даст дар ивази даст, пой дар
ивази пой+.

## Дар бораи ҷанг. Муносибат ба шаҳрҳои душман.

**20** [1] Ҳангоме ки ба ҷанги зидди душмани худ берун равӣ, ва
аспон ва аробаҳо ва қавмеро, ки аз ту сершумортар бошанд,
бубинӣ, — аз онҳо натарс, зеро Худованд Худоят, ки туро аз Миср
берун овард, бо туст+.
[2] Ва ҳангоме ки ба майдони корзор наздик шавед, бигзор коҳин
наздик омада, ба қавм сухан ронад,
[3] Ва ба онҳо гӯяд: „Бишнав, эй Исроил! Шумо имрӯз ба ҷанги
зидди душманони худ шурӯъ менамоед; бигзор дили шумо суст
нашавад, натарсед ва воҳима накунед ва аз онҳо ба ҳарос наафтед;
[4] Зеро ки Худованд Худои шумо бо шумо меравад, то ки барои
шумо бо душманонатон ҷанг карда, шуморо наҷот диҳад“.
[5] Ва бигзор нозирон ба қавм сухан ронда, гӯянд: „Касе ки хонаи
нав сохта, аз он ҳанӯз истифода набурда бошад, бигзор рафта, ба
хонаи худ баргардад, мабодо дар ҷанг бимирад, ва шахси дигаре аз
он истифода барад;
[6] Ва касе ки ток шинонда, аз меваи он ҳанӯз нахӯрда бошад, бигзор
рафта, ба хонаи худ баргардад, мабодо дар ҷанг бимирад, ва шахси
дигаре аз меваи он бихӯрад;
[7] Ва касе ки занеро номзад карда, ҳанӯз варо нагирифта бошад,
бигзор рафта, ба хонаи худ баргардад, мабодо дар ҷанг бимирад, ва
шахси дигаре варо бигирад“+.
[8] Ва бигзор нозирон боз ба қавм сухан ронда, гӯянд: „Касе ки
тарсончак ва буздил бошад, бигзор рафта, ба хонаи худ баргардад, то
ки дили бародарони худро мисли дили худаш тарсончак
нагардонад“+.
[9] Ва ҳангоме ки нозирон суханрониро бо қавм ба анҷом расонанд,
бигзор сипаҳдорон бар сари қавм таъин карда шаванд.
[10] Ҳангоме ки ба шаҳре наздик ой, то ки барои забти он ҷанг кунӣ,
онро ба сулҳ даъват намо.
[11] Ва агар он бо ту сулҳ намуда, дарвозаҳояшро барои ту бикшояд,
бигзор тамоми қавме ки дар он бошанд, хироҷгузори ту гардида,
хизмати туро ба ҷо оваранд.
[12] Валекин агар он бо ту сулҳ накунад, ва ба муқобили ту ҷанг
пеша намояд, — онро муҳосира бикун.

13 Ва ҳангоме ки Худованд Худои ту онро ба дасти ту бисупорад, ҳамаи мардони онро бо дами шамшер зарба бизан;

14 Фақат занон ва кӯдакон ва чорпоён, ва ҳар он чи дар шаҳр бошад, яъне тамоми ғанимати онро барои худ тороҷ намо; ва аз ғанимати душманони худ, ки Худованд Худоят онро ба ту додааст, истифода бикун+.

15 Бо ҳамаи шаҳрҳое ки аз ту бағоят дуранд, ки аз шаҳрҳои ин халқҳо набошанд, чунин амал намо.

16 Аммо аз шаҳрҳои ин қавмҳо, ки Худованд Худоят ҳамчун мулк ба ту медиҳад, ҳеҷ як ҷонро зинда нагузор,

17 Балки онҳоро — ҳиттиён ва амӯриён, канъониён ва фариззиён, ҳиввиён ва ябусиёнро, — чунон ки Худованд Худоят ба ту амр фармудааст, тамоман несту нобуд бикун,+

18 То шуморо таълим надиҳанд, ки мисли ҳамаи корҳои зиште ки онҳо бо худоёни худ мекарданд, амал намуда, пеши Худованд Худои худ гунаҳкор шавед.

19 Агар шаҳреро айёми зиёде муҳосира намоӣ, то ки бо он ҷангида онро забт кунӣ, табаре бар дарахташ бардошта, онро нобуд накун, чунки аз меваи он мехӯрӣ, бинобар ин онро набур; зеро, оё дарахти саҳро одамизод аст, ки аз пеши ту ба истеҳкоме дохил шавад+?

20 Фақат дарахте ки дар бораи он ту медонӣ, ки дарахти ғизодор нест, — онро нобуд бикун ва онро бибур, то ба зидди шаҳре ки бо ту меҷангад, истеҳкоме бисозӣ, то даме ки он мағлуб шавад.

## Ёфт шудани мақтули номаълум.

21 [1] Агар дар замине ки Худованд Худоят барои тасарруф
кардани он ба ту медиҳад, мақтули дар саҳро хобидае ёфт
шавад, ва маълум набошад, ки қотили вай кист, —
[2] Бигзор пирон ва доварони ту берун омада, масофаи шаҳрҳоеро,
ки дар гирду пеши мақтул аст, чен кунанд;
[3] Ва шаҳре ки ба мақтул аз ҳама наздиктар бошад, — бигзор
пирони он шаҳр гӯсолаи модае бигиранд, ки онро ҳанӯз кор
нафармудаанд ва юғе ба гарданаш набастаанд,+
[4] Ва бигзор пирони он шаҳр он гӯсоларо ба водии санглохе ки
шудгор ва кишт карда намешавад ва наҳри оби ҷорӣ дорад, фурӯд
оваранд, ва дар он ҷо, дар водӣ гардани гӯсоларо бишкананд.
[5] Ва коҳинон, писарони Левӣ, наздик меоянд, чунки онҳоро
Худованд Худои ту баргузидааст, то ки хизмати Ӯро ба ҷо оваранд ва
ба исми Худованд баракат диҳанд, ва бар тибқи сухани онҳо ҳар
низоъ ва ҳар осеб бояд яктарафа карда шавад+.
[6] Ва ҳамаи пирони он шаҳре ки ба мақтул аз ҳама наздиктар аст,
бигзор дастҳои худро бар гӯсолае ки дар водӣ гарданаш шикаста
шудааст, бишӯянд,
[7] Ва хитоб намуда, гӯянд: „Дастҳои мо ин хунро нарехтааст, ва
чашмони мо надидааст;
[8] Қавми Худ — Исроилро, ки Ту, эй Худованд, фидия дода раҳо
кардаӣ, кафорат намо, ва намон, ки хуни ноҳақ дар миёни қавми Ту
— Исроил рехта шавад“. Пас, он хун барои онҳо кафорат карда хоҳад
шуд+.
[9] Ва ту хуни ноҳақро аз миёни худ барҳам хоҳӣ дод, агар он чиро,
ки дар назари Худованд дуруст аст, ба амал оварӣ+.
[10] Ҳангоме ки барои ҷанг кардан ба муқобили душманони худ
берун равӣ, ва Худованд Худоят онҳоро ба дасти ту бисупорад, ва ту
онҳоро асир кунӣ,
[11] Ва дар миёни асирон зани хушрӯе дида, ошиқи вай бишавӣ, ва
бихоҳӣ варо барои худ ба занӣ бигирӣ,
[12] Пас, варо ба хонаи худ биёр, ва бигзор вай сари худро тарошад,
ва нохунҳои худро гирад,+

13 Ва либоси асирии худро аз тани худ дур кунад, ва дар хонаи ту нишаста, барои падар ва модари худ як моҳ мотам гирад; ва баъд аз он ту назди вай даромада, шавҳари вай бишав, ва вай зани ту хоҳад буд.

14 Ва агар ту варо дигар нахоҳӣ, метавонӣ варо мувофиқи дилхоҳаш бифиристӣ, вале набояд варо ба нуқра бифрӯшӣ; ба вай сахтгирӣ накун, чунки варо бо зӯрӣ тобеъ намудаӣ.

15 Агар марде ду зан дошта бошад, — яке маҳбуба ва дигаре манфура, — ва ҳар ду — маҳбуба ва манфура — барои ӯ писарон зоянд, ва писари манфура нахустзода бошад,+

16 Пас, дар рӯзе ки ӯ дороии худро ба писаронаш тақсим кунад, наметавонад ба писари маҳбуба бар писари манфура, ки нахустзода аст, ҳуқуқи нахустзодагӣ диҳад,

17 Балки бояд нахустзодагии писари манфураро эътироф намуда, аз ҳар дороии худ ба вай ҳиссаи дучанд диҳад, зеро ки вай ибтидои қуввати ӯст, ва ҳуқуқи нахустзодагӣ ба вай тааллуқ дорад+.

## Дар бораи писари саркаш.

18 Агар касе писари саркаш ва беитоате дошта бошад, ки сухани падар ва модари худро нашнавад, ва ҳар чанд варо ҷазо диҳанд, ба онҳо гӯш наандозад, —+

19 Бигзор падар ва модараш варо гирифта, назди пирони шаҳраш, ба дарвозаи маконаш берун оваранд,

20 Ва ба пирони шаҳраш гӯянд: „Ин писари мо саркаш ва беитоат аст, сухани моро намешунавад, пурхӯр ва майзада аст“+.

21 Ва бигзор варо тамоми мардуми шаҳраш сангсор кунанд, то ки бимирад, — ва шароратро аз миёни худ барҳам хоҳӣ дод; ва тамоми Исроил инро шунида, ҳаросон хоҳанд шуд.

22 Ва агар касе гуноҳи сазовори қатл карда бошад, ва ба қатл расонида шавад, ва ту варо ба дор овехта бошӣ, —+

23 Набояд ҷасади мурдаи варо шабона бар дор бимонӣ, балки ҳатман варо дар ҳамон рӯз дафн намо, зеро касе ки ба дор кашида шудааст, ба лаънати Худо гирифтор аст, ва ту замини худро, ки Худованд Худоят онро ҳамчун мулк ба ту медиҳад, наҷис нагардон+.

## Дар бораи дӯстдорӣ нисбат ба ёр ва нисбат ба ҳайвонот.

22 [1] Вақте ки гови бародари худ ё гӯсфанди ӯро бубинӣ, ки
роҳро гум кардааст, набояд аз онҳо рӯй гардонӣ; онҳоро ҳатман
ба бародари худ баргардон+.
[2] Ва агар бародари ту дар наздикии ту набошад, ё ӯро нашносӣ,
онҳоро ба хонаи худ биёр, ва бигзор онҳо назди ту бошад, то даме ки
бародарат онҳоро талаб кунад, ва он гоҳ ба ӯ баргардон.
[3] Ва бо хари ӯ чунин амал намо, ва бо либоси ӯ чунин амал намо,
ва бо ҳар чизи гумшудаи бародари худ, ки вай онро гум карда бошад,
ва ту онро ёфта бошӣ, чунин амал намо; ту наметавонӣ аз он рӯй
гардонӣ.
[4] Агар хари бародари худ ё гови ӯро бубинӣ, ки дар роҳ афтодааст,
аз онҳо рӯй нагардон, балки ҳатман онҳоро бо ӯ бархезон.
[5] Либоси мард бар зан набояд бошад, ва мард набояд либоси занро
дар бар кунад, зеро ҳар кӣ ин корҳоро мекунад, дар назари Худованд
Худои ту зишт аст.
[6] Агар тасодуфан дар роҳ, бар дарахте ё бар замин, лонаи парандае
аз пешат бароёд, ки чӯҷаҳо ё тухмҳо дар он бошад, ва модар бар
чӯҷаҳо ё бар тухмҳо нишаста бошад, — модарро бо бачаҳояш нагир:+
[7] Модарро албатта раҳо намо, ва бачаҳоро барои худ бигир, то ки
барои ту некӯ бошад, ва умри дароз бинӣ.
[8] Ҳангоме ки хонаи нав бино кунӣ, панҷарае бар боми худ бисоз,
то ки хуне бар хонаи худ наоварӣ, вақте ки касе аз болои он биафтад.
[9] Токзори худро бо ду навъ тухмӣ кишт накун, мабодо тамоми
ҳосилот, ҳам тухмие ки коштаӣ, ва ҳам ҳосили токзор ҳаром
гардад+.
[10] Барзагов ва харро якҷоя баста, шудгор накун.
[11] Либоси иборат аз ду навъ матоъ, яъне аз пашм ва катон, дар бар
накун.
[12] Бар чор гӯшаи ридои худ, ки онро дар бар мекунӣ, шилшилаҳо
бибоф+.

## Муҳофизати зан аз маломатҳои мард.

[13] Агар касе зан гирад, ва бо вай бихобад, ва аз вай нафрат намояд,

14 Ва дар ҳаққи вай маломат бароварад, ва варо бадном карда,
гӯяд: „Ин занро гирифтам, ва бо вай наздикӣ кардам, вале варо
бокира наёфтам“, —
15 Пас, бигзор падари он духтар ва модари вай аломати бакорати
духтарро гирифта, пеши пирони шаҳр, назди дарвоза баророанд,
16 Ва падари духтар ба пирон бигӯяд: „Духтари худро ба ин одам
ба занӣ додаам, ва ӯ алҳол аз вай нафрат кардааст,
17 Ва инак, ӯ маломат бароварда, мегӯяд: духтари туро бокира
наёфтам. Вале ин аст аломати бакорати духтари ман“. Пас, ҷойпӯшро
пеши пирони шаҳр паҳн мекунанд.
18 Ва бигзор пирони он шаҳр он мардро гирифта, таъдиб намоянд.
19 Ва бар ӯ ба қадри сад сиқл нуқра ҷарима андохта, онро ба
падари духтар бидиҳанд, зеро ки ӯ бокираи Исроилро бадном
кардааст; ва бигзор вай зани ӯ бошад, ба тавре ки ӯ наметавонад
тамоми умри худ ба вай талоқ диҳад.
20 Валекин агар ин даъво рост бошад, яъне аломати бакорати
духтар ёфт нашавад,
21 Бигзор духтарро назди дари хонаи падари вай берун оваранд, ва
мардуми шаҳри вай варо сангсор кунанд, то ки бимирад, зеро ки вай
дар хонаи падараш зино карда, дар Исроил рафтори зиште ба амал
овардааст. Ва шароратро аз миёни худ барҳам хоҳӣ дод.
22 Агар марде ёфт шавад, ки бо зани шавҳардоре хобида бошад,
бигзор ҳар дуяшон ба қатл расонида шаванд: ҳам марде ки бо он зан
хобидааст, ва ҳам он зан. Ва шароратро аз Исроил барҳам хоҳӣ дод+.
23 Агар духтари бокирае ба марде номзад шуда бошад, ва марди
дигаре варо дар шаҳр ёфта, бо вай бихобад,
24 Ҳар дуяшонро назди дарвозаи он шаҳр бароред, ва онҳоро
сангсор кунед, то ки бимиранд: духтарро барои он ки дар шаҳр доду
фарьёд накардааст, ва мардро барои он ки ба номӯси зани ёри худ
таҷовуз намудааст. Ва шароратро аз миёни худ барҳам хоҳӣ дод.
25 Ва агар марде дар саҳро духтари номзадшударо биёбад, ва он
мард варо бо зӯрӣ дошта, бо вай бихобад, бигзор он марде ки бо вай
хобидааст, танҳо ба қатл расонида шавад,
26 Вале бо духтар ҳеҷ кор накун: ба гардани духтар гуноҳи
сазовори қатл нест, зеро ки монанди он аст, ки шахсе бар ёри худ
қиём намуда, ӯро кушта бошад;

[27] Зеро ки варо дар саҳро ёфтааст: мумкин аст, ки он духтари
номзадшуда доду фарьёд карда бошад, валекин касе набудааст, ки
варо раҳо кунад.
[28] Агар марде духтари бокираро, ки номзад нашуда бошад, биёбад,
ва бо зӯрӣ варо дошта, бо вай бихобад, ва онҳо ба даст афтанд,
[29] Бигзор он марде ки бо вай хобидааст, ба падари духтар панҷоҳ
сиқл нуқра бидиҳад, ва бигзор вай зани ӯ бошад, чунки ӯ ба номӯси
вай таҷовуз намудааст; ӯ наметавонад тамоми умри худ ба вай талоқ
диҳад+.
[30] Бигзор ҳеҷ кас зани падари худро нагирад, ва аврати падари
худро ошкор накунад+.

## Дастуроти гуногун.

**23** 1 Касе ки байзаҳояш маҷақ шудааст, ё олати таносулаш бурида шудааст, наметавонад ба ҷамоати Худованд дохил шавад+.

2 Ҳаромзода наметавонад ба ҷамоати Худованд дохил шавад: ҳатто насли даҳуми вай наметавонад ба ҷамоати Худованд дохил шавад.

3 Аммӯнӣ ва мӯобӣ наметавонад ба ҷамоати Худованд дохил шавад; ҳатто насли даҳуми онҳо наметавонад ба ҷамоати Худованд дохил шавад,+

4 Аз он сабаб ки онҳо шуморо, вақте ки аз Миср берун омадед, дар роҳ бо нон ва об пешвоз нагирифтанд, ва аз он сабаб ки вай Билъом ибни Баӯрро аз Фатӯри Байнаннаҳрайн ба муқобили ту киро кард, то ки туро лаънат гӯяд,+

5 Вале Худованд Худои ту нахост Билъомро гӯш кунад, ва Худованд Худои ту он лаънатро барои ту ба баракат табдил дод, зеро ки Худованд Худоят туро дӯст медорад+.

6 Саломатӣ ва некӯаҳволии онҳоро тамоми умри худ, то абад ҷӯё нашав.

7 Аз адӯмӣ нафрат накун, зеро ки вай бародари туст; аз мисрӣ нафрат накун, зеро ки ту дар замини вай ғариб будӣ;+

8 Фарзандоне ки аз онҳо таваллуд меёбанд, дар насли сеюм метавонанд ба ҷамоати Худованд дохил шаванд.

9 Ҳангоме ки бо ӯрдуи худ ба мукобили душманонат берун равӣ, аз ҳар чизи бад худро нигоҳ дор.

10 Агар дар миёни ту касе бошад, ки аз эҳтиломи шаб наҷис шавад, бигзор вай аз ӯрдугоҳ берун равад, андаруни ӯрдугоҳ дохил нашавад;+

11 Ва шомгоҳ дар об ғусл намуда, баробари ғуруб кардани офтоб андаруни ӯрдугоҳ дохил шавад.

12 Ва макone барои ту берун аз ӯрдугоҳ бояд бошад, то ки ба он ҷо берун равӣ.

13 Ва ба замми яроқи худ ту бояд белчае дошта бошӣ, ва ҳангоме ки дар берун менишинӣ, чуқурчае бо он биканӣ, ва бархоста, пасафканди худро ба воситаи он бипӯшонӣ.

14 Зеро ки Худованд Худои ту андаруни ӯрдугоҳи ту қадамгузор
аст, то ки туро раҳо намояд ва душманонатро ба дасти ту бисупорад;
пас, бигзор ӯрдугоҳи ту муқаддас бошад, то ки Ӯ чизи палиде дар
миёни ту дида, аз ту рӯй нагардонад+.
15 Ғуломеро, ки аз оғои худ пеши ту гурехта бошад, ба дасти оғои
вай насупор;
16 Бигзор вай дар миёни ту, дар маконе ки баргузинад, дар яке аз
шаҳрҳои ту, ки барои вай некӯ бошад, сокин шавад; варо ба танг
наовар.
17 Набояд аз духтарони Исроил фоҳишае бошад, ва аз писарони
Исроил набояд ливотагаре бошад+.
18 Музди фоҳиша ва қимати сагро* барои ҳеҷ назре ба хонаи
Худованд Худои худ наовар, зеро ки ин ҳар ду дар назари Худованд
Худои ту зишт аст.
19 Ба бародари худ бо суд қарз надеҳ, — на бо суди нуқра, на бо
суди хӯрокворӣ, на бо суди ҳар чизе ки бо суд қарз дода мешавад.
20 Ба аҷнабӣ метавонӣ бо суд қарз диҳӣ, вале ба бародари худ бо
суд қарз надеҳ, то ки Худованд Худои ту дар замине ки барои
тасарруф кардани он ба он ҷо меравӣ, дар ҳар шуғли дастат ба ту
баракат диҳад+.
21 Агар барои Худованд Худои худ назр намоӣ, дар адои он даранг
накун, зеро ки Худованд Худои ту ҳатман онро аз ту талаб хоҳад
кард, ва бар гардани ту гуноҳе хоҳад буд+.
22 Валекин агар аз назр кардан худдорӣ намоӣ, бар гардани ту
гуноҳе нахоҳад буд.
23 Он чиро, ки аз даҳонат баромадааст, риоя намуда, ба ҷо овар,
ончунон ки барои Худованд Худои худ назр карда, ба забон рондаӣ.
24 Ҳангоме ки ба токзори ёри худ биёӣ, аз ангури он ҳар қадар ки
дилат бихоҳад, то сер шудани худ бихӯр, вале дар зарфи худ наандоз.
25 Ҳангоме ки ба ғаллазори ёри худ биёӣ, аз хӯшаҳои он бо дасти
худ бичин, вале досро дар ғаллазори ёри худ ба кор набар+.

## Шариати Мусо дар бораи талоқ.

24 [1] Агар касе зан гирифта, бо вай бихобад, ва агар вай ба назари
ӯ писанд наояд, чунки ӯ чизи нафратоваре дар вай пайдо
кардааст, — ва ӯ талоқномае навишта ба дасти вай диҳад, ва аз хонаи
худ варо бифиристад,+
[2] Ва вай аз хонаи ӯ берун равад, ва ба шавҳари дигаре бирасад,
[3] Ва он шавҳари дигар низ аз вай нафрат намояд, ва талоқномае
барои вай навишта, ба дасти вай диҳад, ва аз хонаи худ варо
бифиристад, ё он шавҳари дигар, ки варо барои худ ба занӣ гирифта
буд, бимирад, —
[4] Шавҳари аввалаш, ки варо фиристода буд, наметавонад аз нав
варо барои худ ба занӣ бигирад, баъд аз он ки вай наҷис гардидааст,
зеро ки ин ба ҳузури Худованд зишт аст; пас, ба замине ки Худованд
Худои ту ҳамчун мулк ба ту медиҳад, гуноҳ наовар+.
[5] Агар касе ба қарибӣ зан гирифта бошад, бигзор ба лашкар
наравад, ва ҳеҷ маҷбурияти дигаре ба зиммаи вай гузошта нашавад,
то ки як сол дар хонаи худ озод бошад, ва бо зани худ димоғчоқӣ
кунад+.
[6] Набояд касе осиё ё санги болои онро ба гарав бигирад, зеро ки
ҷонро ба гарав мегирад.
[7] Агар шахсе ёфт шавад, ки аз бародарони худ, яъне аз банӣ-
Исроил, ягон касро дуздидааст, ва ба вай сахтгирӣ карда, варо
фурӯхтааст, — бигзор он дузд ба қатл расонида шавад. Ва шароратро
аз миёни худ барҳам хоҳӣ дод+.
[8] Дар хусуси захми махав эҳтиёт намоед, то ҳар он чиро, ки
коҳинони левизода ба шумо таълим медиҳанд, бағоят риоя намуда,
ба ҷо оваред; он чиро, ки ман ба онҳо амр фармудаам, риоя намуда,
ба ҷо оваред+.
[9] Дар хотир нигоҳ дор, ки Худованд Худои ту дар роҳ бо Марьям
чӣ карда буд, вақте ки аз Миср берун омадед+.
[10] Агар ба ёри худ чизе қарз диҳӣ, барои гирифтани гарав ба хонаи
вай надаро,
[11] Балки дар берун биист, ва он кас, ки ту ба вай қарз додаӣ,
гараврο назди ту берун меоварад.

12 Ва агар вай марди бенавое бошад, хоб накун дар ҳолате ки
гарави вай назди ту бимонад,
13 Балки баробари ғуруб кардани офтоб гарави варо ҳатман
баргардон, то ки вай дар либоси худ бихобад ва туро баракат диҳад,
ва ин барои ту ба ҳузури Худованд Худои ту адолат ҳисоб хоҳад
ёфт+.
14 Муздур, бенаво ва камбағалро аз бародарони худ ё аз ғарибоне
ки дар миёни ту, дар шаҳрҳои ту мебошанд, озор надеҳ+.
15 Дар ҳамон рӯз музди варо бидеҳ, ба тавре ки офтоб пеш аз
доданат ғуруб накунад, зеро ки вай камбағал аст, ва ҷонаш ҳаваси
онро дорад; мабодо вай аз дасти ту сӯи Худованд фиғон кунад, ва ин
барои ту гуноҳ ҳисоб ёбад+.
16 Бигзор падарон барои гуноҳи писарон ба қатл расонида
нашаванд, ва писарон барои гуноҳи падарон ба қатл расонида
нашаванд: ҳар кас бояд барои гуноҳи худаш ба қатл расонида шавад+.
17 Дар доварии ғариб ва ятим каҷкорӣ накун, ва либоси беваро ба
гарав нагир+.
18 Дар хотир нигоҳ дор, ки ту дар Миср ғулом будӣ, ва Худованд
Худоят туро аз он ҷо фидия дода раҳо кард; бинобар ин ман ба ту амр
мефармоям, ки ин корро ба ҷо оварӣ.
19 Вақте ки ҳосилоти худро дар саҳрои худ дарав намоӣ, ва
бандеро дар саҳро фаромӯш кунӣ, барои гирифтани он барнагард:
бигзор он барои ғарибе, ятиме ва бевае бошад, то ки Худованд Худоят
туро дар ҳар амали дастат баракат диҳад+.
20 Вақте ки зайтуни худро зада афшонӣ, дуюмбора шохаҳоро
тафтиш накун: бигзор он барои ғарибе, ятиме ва бевае бошад.
21 Вақте ки ангури токзори худро ғунучин намоӣ, дуюмбора
боқимондаи онро начин: бигзор он барои ғарибе, ятиме ва бевае
бошад.
22 Ва дар хотир нигоҳ дор, ки ту дар замини Миср ғулом будӣ;
бинобар ин ман ба ту амр мефармоям, ки ин корро ба ҷо оварӣ.

## Дастуроти гуногун.

25 [1] Агар дар миёни одамон мурофиае ба вуҷуд ояд, ва онҳо ба
маҳкама биёянд, ва доварон онҳоро доварӣ намуда, одилро
сафед ва шарирро маҳкум кунанд,+
[2] Ва агар шарир сазовори шаллоқ бошад, — бигзор довар амр
фармояд, ки варо бихобонанд, ва ба ҳузури ӯ варо мувофиқи
шарораташ шумурда шаллоқ зананд;
[3] Варо фақат чил тозиёна задан мумкин аст, на зиёд, зеро ки агар
бар ин илова намуда варо шаллоқи зиёде зананд, бародари ту пеши
назари ту ба залолат хоҳад афтод+.
[4] Даҳони говро, вақте ки хирман мекӯбад, набанд+.
[5] Агар бародарон бо ҳамдигар сукунат дошта бошанд, ва яке аз
онҳо бимирад, ва фарзанде надошта бошад, зани он мурда набояд
берун аз оила, ба марди бегонае бирасад, балки бародари шавҳараш
бояд назди вай даромада, варо барои худ ба занӣ бигирад ва вазифаи
додаршӯйиро нисбат ба вай ба ҷо оварад+.
[6] Ва нахустзодае ки вай мезояд, фарзанди бародари мурдаи ӯ
ҳисоб хоҳад ёфт, то ки номаш аз миёни Исроил маҳв нашавад+.
[7] Ва агар ин шахс ба гирифтани янгаи худ розӣ нашавад, бигзор
янгаи ӯ ба дарвоза, назди пирон баромада, гӯяд: „Додаршӯи ман
намехоҳад номи бародари худро дар Исроил аз нав барқарор намояд,
аз иҷрои вазифаи додаршӯии худ нисбат ба ман сар метобад“.
[8] Ва ӯро пирони шаҳраш хонда, ба ӯ сухан меронанд, ва агар ӯ
исрор намуда, гӯяд: „Намехоҳам варо ба занӣ бигирам“, —
[9] Он гоҳ бигзор янгаи ӯ пеши назари пирон ба ӯ наздик омада,
кафши ӯро аз пояш бикашад, ва пеши ӯ туф карда, нидокунон гӯяд:
„Бо касе ки хонаи бародари худро бино намекунад, чунин рафтор
карда мешавад“+.
[10] Ва бигзор номи ӯ дар Исроил „хонаи кафшкашида“ хонда шавад.
[11] Агар ду мард бо ҳамдигар дастбагиребон шаванд, ва зани яке аз
онҳо пеш ояд, то ки шавҳари худро аз дасти занандаи ӯ халос кунад,
ва дасти худро дароз карда, авраташро биқапад, —
[12] Пас, дасти варо бурида парто; бигзор чашми ту ба вай раҳм
накунад.
[13] Бигзор дар халтаи ту сангҳои духела, калон ва хурд, набошад.

14 Бигзор дар хонаи ту эфаи духела, калон ва хурд, набошад+.
15 Ту бояд санги мукаммал ва дуруст дошта бошӣ, то ки умри ту
дар замине ки Худованд Худоят ба ту медиҳад, дароз шавад.
16 Зеро ҳар кӣ чунин амал мекунад, яъне ҳар ноинсоф, пеши
Худованд Худои худ зишт аст.
17 Он чиро, ки Амолеқ дар роҳ, ҳангоми берун омаданат аз Миср,
ба ту карда буд, дар хотир нигоҳ дор,+
18 Ки ӯ дар роҳ туро пешвоз гирифта, ҳамаи аз ҳол рафтагонро дар
ақиби ту несту нобуд карда буд, дар сурате ки ту лакот ва беҳол будӣ;
ва ӯ аз Худо натарсида буд.
19 Пас, вақте ки Худованд Худои ту дар замине ки Худованд Худои
ту барои тасарруф кардани он ҳамчун мулк ба ту медиҳад, аз ҳамаи
душманони гирду пеш ба ту оромӣ бахшад, ту зикри Амолеқро аз
зери осмон маҳв намо; фаромӯш накун+.

## Дар бораи тақдим кардани навбарҳо.

**26** 1 Ва ҳангоме ки ба замине ки Худованд Худоят ҳамчун мулк
ба ту медиҳад, дохил шавӣ, ва онро ба тасарруфи худ дароварда,
дар он сокин гардӣ, —
2 Он гоҳ аз навбарҳои ҳар маҳсули замин, ки аз замине ки
Худованд Худоят ба ту медиҳад, ғундошта бошӣ, гирифта, дар сабаде
бимон, ва ба маконе ки Худованд Худоят баргузинад, то ки исми
Худро дар он ҷо сокин гардонад, бирав+.
3 Ва назди коҳине ки дар он айём бошад, омада, ба вай бигӯ:
„Имрӯз ба Худованд Худои ту изҳор менамоям, ки ба замине ки
Худованд ба падарони мо қасам хӯрда буд, ки ба мо бидиҳад, дохил
шудаам“.
4 Ва коҳин сабадро аз дастат гирифта, пеши курбонгоҳи Худованд
Худои ту мегузорад.
5 Ва ту ба ҳузури Худованд Худои худ нидокунон бигӯ: „Падарам
арамии оворагарде буд, ва ба Миср фурӯд омад, ва дар он ҷо бо
одамони каме сукунат кард, ва дар он ҷо ба халқи бузурги пурзӯр ва
сершуморе табдил ёфт;+
6 Вале мисриён ба мо рафтори бад намуда, моро ба танг оварданд,
ва меҳнати сахте ба гардани мо бор карданд;+
7 Ва мо сӯи Худованд Худои падарони мо истиғоса бурдем, ва
Худованд овози моро шунид, ва мусибат ва меҳнат ва тангии моро
дид;+
8 Ва Худованд моро аз Миср бо дасти қавӣ ва бозуи тӯлонӣ, бо
даҳшати азим, ва бо аломот ва мӯъҷизот берун овард;+
9 Ва моро ба ин макон овард, ва ин заминро, замине ки шир ва
асал дар он ҷорист, ба мо дод+.
10 Ва алҳол, инак, ман навбарҳои маҳсули заминро, ки Ту, эй
Худованд, ба ман додӣ, овардаам“. Ва онро ба ҳузури Худованд Худои
худ бимон, ва ба ҳузури Худованд Худои худ саҷда бибар.
11 Ва ту аз тамоми неъмате ки Худованд Худоят ба ту ва ба
хонадони ту бахшидааст, бо левизода ва ғарибе ки дар миёни туст,
хурсандӣ бикун.
12 Ҳангоме ки ту дар соли сеюм, ки соли ушрҳост, додани тамоми
ушри ҳосилоти худро ба анҷом бирасонӣ, ва онро ба левизода, ғариб,

ятим ва бева бидиҳӣ, то ки дар шаҳрҳои ту хӯрда сер шаванд,+
13 Он гоҳ ба ҳузури Худованд Худои худ бигӯ: „Вақфҳоро аз хона
баровардам, ва онҳоро ба левизода, ғариб, ятим ва бева низ,
мувофиқи амре ки Ту ба ман фармудаӣ, додам; аз аҳкоми Ту сар
натофтам ва онҳоро фаромӯш накардам;
14 Дар мотами худ аз онҳо нахӯрдам, ва дар нопокӣ аз онҳо
набаровардам, ва барои мурда аз онҳо надодам; ба овози Худованд
Худои худ гӯш андохтам, мувофиқи ҳар он чи ба ман амр фармудаӣ,
амал кардам;+
15 Аз макони муқаддаси Худ, аз осмон назар бикун, ва ба қавми
Худ — Исроил, ва ба замине ки ба мо додаӣ, чунон ки ба падарони мо
қасам хӯрдаӣ, ба замине ки шир ва асал дар он ҷорист, баракат
бидеҳ“+.
16 Имрӯз Худованд Худоят ба ту амр мефармояд, ки ин фароиз ва
ин дастуротро ба амал оварӣ; ва ту онҳоро бо тамоми дили худ ва бо
тамоми ҷони худ риоя намуда, ба амал овар.
17 Худовандро ту имрӯз эътироф намудӣ, то ки Ӯ Худои ту бошад,
ва ту бо роҳҳои Ӯ равона шавӣ, ва фароизу аҳкому дастуроти Ӯро
риоя намоӣ, ва ба овози Ӯ гӯш андозӣ.
18 Ва Худованд имрӯз туро эътироф намуд, то ки ту қавми гузини
Ӯ бошӣ, чунон ки Ӯ ба ту гуфтааст, ва тамоми аҳкоми Ӯро риоя
намоӣ,+
19 Ва Ӯ туро дар ҷалол, шӯҳрат ва шавкат бар ҳамаи халқҳое ки Ӯ
офаридааст, баланд гардонад, ва ту барои Худованд Худои худ қавми
муқаддас бошӣ, чунон ки Ӯ гуфтааст»+.

## Дар бораи сангҳои ёдгорӣ.

27 1 Ва Мусо ва пирони Исроил ба қавм амр фармуда, гуфтанд:
«Тамоми аҳкомеро, ки ман имрӯз ба шумо амр мефармоям,
риоя намоед.
2 Ва дар рӯзе ки аз Урдун ба замине ки Худованд Худоят ба ту
медиҳад, убур кунед, барои худ сангҳои бузург барпо намо, ва бар
онҳо оҳак бимол;+
3 Ва бар онҳо, ҳамин ки убур кардӣ, ҳамаи суханони ин шариатро
бинавис, то ба замине ки Худованд Худоят ба ту медиҳад, дохил
шавӣ, — ба замине ки шир ва асал дар он ҷорист, чунон ки Худованд
Худои падаронат ба ту гуфтааст.
4 Ва ҳангоме ки аз Урдун убур кунед, ин сангҳоро, ки ман имрӯз ба
шумо амр мефармоям, бар кӯҳи Эбол барпо намоед, ва бар онҳо оҳак
бимол.
5 Ва дар он ҷо қурбонгоҳе барои Худованд Худои худ бино намо,
ки қурбонгоҳи сангин бошад; олати оҳанин бар онҳо кор нафармо;+
6 Аз сангҳои яклухт қурбонгоҳи Худованд Худои худро бино намо,
ва бар он барои Худованд Худои худ қурбониҳои сӯхтанӣ тақдим
кун.
7 Ва курбониҳои саломатӣ забҳ намуда, дар он ҷо бихӯр ва ба
ҳузури Худованд Худои худ хурсандӣ бикун+.
8 Ва бар он сангҳо ҳамаи суханони ин шариатро бо хати равшан
бинавис»+.
9 Ва Мусо ва коҳинони левизода ба тамоми Исроил сухан ронда,
гуфтанд: «Сукут намо ва бишнав, эй Исроил! Имрӯз ту қавми
Худованд Худои худ гардидаӣ+.
10 Пас, овози Худованд Худои худро бишнав, ва аҳкому фароизи
Ӯро, ки ман имрӯз ба ту амр мефармоям, ба амал овар».
11 Ва Мусо дар он рӯз ба қавм амр фармуда, гуфт:
12 «Ҳамин ки аз Урдун убур кунед, инҳо бояд бар кӯҳи Ҷаризим
биистанд, то даме ки қавмро баракат диҳанд: Шимъӯн, Левӣ, Яҳудо,
Иссокор, Юсуф ва Биньёмин+.
13 Ва инҳо бояд бар кӯҳи Эбол биистанд, то даме ки лаънат хонанд:
Реубен, Ҷод, Ошер, Забулун, Дон ва Нафтолӣ.

14 Ва левизодагон хитоб намуда, ба ҳамаи исроилиён бо овози
баланд хоҳанд гуфт:
15 „Малъун бод касе ки саname ё буте аз маснӯи дасти ҳунарманд,
ки он дар назари Худованд зишт аст, бисозад, ва онро пинҳон дорад!“
Ва тамоми қавм нидокунон хоҳанд гуфт: „Омин!“+
16 „Малъун бод касе ки падару модари худро хорӣ диҳад!“ Ва
тамоми қавм хоҳанд гуфт: „Омин!“+
17 „Малъун бод касе ки марзаи ёри худро вайрон кунад!“ Ва
тамоми қавм хоҳанд гуфт: „Омин!“+
18 „Малъун бод касе ки нобиноеро дар роҳ ба иштибоҳ андозад!“ Ва
тамоми қавм хоҳанд гуфт: „Омин!“+
19 „Малъун бод касе ки дар доварии ғариб, ятим ва бева каҷкорӣ
кунад!“ Ва тамоми қавм хоҳанд гуфт: „Омин!“+
20 „Малъун бод касе ки бо зани падари худ бихобад, чунки домани
падари худро ошкор кардааст!“ Ва тамоми қавм хоҳанд гуфт:
„Омин!“+
21 „Малъун бод касе ки бо ягон чорпо бихобад!“ Ва тамоми қавм
хоҳанд гуфт: „Омин!“+
22 „Малъун бод касе ки бо хоҳари худ, яъне бо духтари падари худ
ё бо духтари модари худ, бихобад!“ Ва тамоми қавм хоҳанд гуфт:
„Омин!“+
23 „Малъун бод касе ки бо модарарӯси худ бихобад!“ Ва тамоми
қавм хоҳанд гуфт: „Омин!“+
24 „Малъун бод касе ки ёри худро дар пинҳонӣ бикушад!“ Ва
тамоми қавм хоҳанд гуфт: „Омин!“+
25 „Малъун бод касе ки ришва гирад, то ки ҷоне нобуд гардида,
хунаш ба ноҳақ рехта шавад!“ Ва тамоми қавм хоҳанд гуфт: „Омин!“+
26 „Малъун бод касе ки суханони ин шариатро ба ҷо наоварад ва
бар тибқи онҳо амал накунад!“ Ва тамоми қавм хоҳанд гуфт:
„Омин!“»+

## Ваъдаи баракат.

**28** [1] •«Ва агар ту ба овози Худованд Худои худ бодиққат гӯш
андозӣ, то ки тамоми аҳкоми Ӯро, ки имрӯз ман ба ту амр
мефармоям, риоя намуда, ба амал оварӣ, он гоҳ Худованд Худоят
туро бар ҳамаи халқҳои замин баланд хоҳад гардонид,+
[2] Ва ҳамаи ин баракатҳо ба ту хоҳад расид ва барои ту ба амал
хоҳад омад, агар ту ба овози Худованд Худои худ гӯш андозӣ:
[3] Дар шаҳр ту бобаракот хоҳӣ буд ва дар саҳро ту бобаракот хоҳӣ
буд.
[4] Меваи батни ту ва ҳосили замини ту ва самараи чорпоёни ту,
зоиши говони ту ва афзоиши гӯсфандони ту бобаракот хоҳад буд.
[5] Сабади ту ва корсони ту бобаракот хоҳад буд.
[6] Ҳангоми даромадани худ ту бобаракот хоҳӣ буд ва ҳангоми
баромадани худ ту бобаракот хоҳӣ буд+.
[7] Худованд душманони туро, ки ба зидди ту қиём менамоянд,
пеши ту мағлуб хоҳад кард; бо як роҳ ба зидди ту хоҳанд омад, ва бо
ҳафт роҳ аз пеши ту хоҳанд гурехт+.
[8] Худованд ба ту дар анборҳоят ва дар ҳар шуғли дастат баракат
хоҳад фиристод, ва туро дар замине ки Худованд ба ту медиҳад,
бобаракот хоҳад кард+.
[9] Худованд туро барои Худ қавми муқаддас хоҳад гардонид, чунон
ки ба ту қасам хӯрдааст, агар аҳкоми Худованд Худои худро риоя
намуда, бо роҳҳои Ӯ равона шавӣ+.
[10] Ва ҳамаи қавмҳои замин хоҳанд дид, ки исми Худованд бар ту
хонда шудааст, ва аз ту хоҳанд тарсид.
[11] Ва Худованд ба ту дар меваи батнат, ва дар самараи чорпоёнат,
ва дар ҳосили заминат, дар замине ки Худованд ба падаронат қасам
хӯрдааст, ки ба ту бидиҳад, фаровонии зиёде хоҳад бахшид.
[12] Худованд барои ту ганҷинаи некӯи Худ, яъне осмонро воз хоҳад
кард, то ки борони замини туро дар сари вақт биборонад ва ба ҳар
шуғли дасти ту баракат диҳад, ва ту ба халқҳои бисьёр қарз хоҳӣ дод,
вале худат қарз нахоҳӣ гирифт+.
[13] Ва Худованд туро сар хоҳад кард, на дум; ва фақат баланд хоҳӣ
буд, на паст, — агар ту ба аҳкоми Худованд Худои худ, ки ман имрӯз

ба ту амр мефармоям, гӯш андозӣ, ва онҳоро риоя намуда, ба ҷо оварӣ,
14 Ва аз ҳамаи суханоне ки ман имрӯз ба шумо амр мефармоям, ба тарафи рост ё чап майл накунӣ, то ки худоёни дигарро пайравӣ ва ибодат намоӣ.

## Огоҳӣ аз лаънатҳо.

15 •Валекин агар ба овози Худованд Худои худ гӯш наандозӣ, то ки тамоми аҳкому фароизи Ӯро, ки ман имрӯз ба ту амр мефармоям, риоя намуда ба амал оварӣ, — он гоҳ ҳамаи ин лаънатҳо ба ту хоҳад расид ва барои ту ба амал хоҳад омад:+
16 Дар шаҳр ту малъун хоҳӣ буд ва дар саҳро ту малъун хоҳӣ буд.
17 Сабади ту ва корсони ту малъун хоҳад буд.
18 Меваи батни ту ва ҳосили замини ту, зоиши говони ту ва афзоиши гӯсфандони ту малъун хоҳад буд.
19 Ҳангоми даромадани худ ту малъун хоҳӣ буд, ва ҳангоми баромадани худ ту малъун хоҳӣ буд.
20 Худованд ба ту дар ҳар шуғли дастат, ки ба амал меоварӣ, лаънат, изтироб ва мусибат хоҳад фиристод, то даме ки маҳв шавӣ, ва то даме ки ба зудӣ нест шавӣ, аз боиси бадии аъмолат, аз боиси он ки Маро тарк кардаӣ.
21 Худованд ваборо ба ту хоҳад часпонид, то даме ки туро аз замине ки барои тасарруф кардани он ба он дохил мешавӣ, маҳв кунад.
22 Худованд туро ба сил, таб, илтиҳоб, окила, хушксолӣ, боди самум ва яроқон гирифтор хоҳад кард; ва онҳо туро таъқиб хоҳад кард, то даме ки маҳв шавӣ+.
23 Ва осмони ту, ки болои сари туст, монанди мис хоҳад гардид, ва замине ки зери пои туст, — монанди оҳан.
24 Худованд борони заминатро ғубор ва хок хоҳад гардонид, ва он аз осмон бар ту фурӯд хоҳад омад, то даме ки несту нобуд шавӣ+.
25 Худованд туро пеши душманонат мағлуб хоҳад кард; бо як роҳ ба зидди онҳо берун хоҳӣ рафт, ва бо ҳафт роҳ аз пеши онҳо хоҳӣ гурехт, ва барои ҳамаи мамлакатҳои замин ба даҳшате табдил хоҳӣ ёфт+.

26 Ва лошаи ту барои ҳар мурғи ҳаво ва ҳайвони замин хӯрок
хоҳад шуд, ва ҳеҷ кас онҳоро нахоҳад рамонид+.
27 Худованд туро ба обилаи Миср, захми думбалдор, ҷараб ва
хоришак гирифтор хоҳад кард, ки аз онҳо наметавонӣ шифо ёбӣ+.
28 Худованд туро ба девонагӣ, кӯрӣ ва карахтӣ гирифтор хоҳад
кард.
29 Ва мисли кӯре ки дар торикӣ даст-даст карда роҳ меравад, ту
дар нимирӯзӣ даст-дасткунон роҳ хоҳӣ рафт, ва дар роҳҳои худ
муваффақият нахоҳӣ ёфт, ва тамоми айём туро ба танг хоҳанд овард
ва тороҷ хоҳанд кард, — ва наҷотдиҳандае нахоҳад буд+.
30 Занеро номзад хоҳӣ кард, вале марди дигаре бо вай хоҳад хобид;
хонае бино хоҳӣ кард, вале дар он сокин нахоҳӣ шуд; токзоре хоҳӣ
шинонид, вале аз ангураш нахоҳӣ хӯрд+.
31 Говатро дар пеши назарат хоҳанд кушт, вале аз гӯшти он нахоҳӣ
хӯрд; харатро аз пеши ту ба тороҷ хоҳанд бурд, ва он назди ту
нахоҳад баргашт; гӯсфандонат ба душманони ту дода хоҳад шуд, — ва
наҷотдиҳандае барои ту нахоҳад буд.
32 Писаронат ва духтаронат ба қавми дигаре дода хоҳанд шуд, ва
чашмонат инро хоҳад дид, ва тамоми айём ба раҳи онҳо чор хоҳад
шуд, вале дидорашон барои ту дастрас нахоҳад буд+.
33 Ҳосили заминат ва тамоми меҳнататро қавме ки ту
намешинохтӣ, хоҳанд хӯрд; ва ту тамоми айём фақат мазлум ва
ситамкаш хоҳӣ буд+.
34 Ва ту аз он чи чашмонат мебинад, девона хоҳӣ шуд.
35 Худованд зонуҳо ва соққои туро ба обилаи бад гирифтор хоҳад
кард, ки аз он, аз кафи пой то фарқи сари худ, шифо нахоҳӣ ёфт+.
36 Худованд туро, ва подшоҳатро, ки бар худ таъин менамоӣ, сӯи
халқе хоҳад бурд, ки варо ту ва падаронат намешинохтед; ва дар он
ҷо ту худоёни дигарро, ки аз чӯб ва санг иборатанд, ибодат хоҳӣ
кард+.
37 Ва дар миёни қавмҳое ки Худованд туро ба он ҷо хоҳад бурд, ту
василаи ҳайрат, масал ва тамасхур хоҳӣ гардид+.
38 Тухмии зиёде ба саҳро хоҳӣ бурд, валекин андаке ҷамъ хоҳӣ
кард, зеро ки малах онро хоҳад хӯрд+.
39 Токзорҳо шинонида, парвариш хоҳӣ кард, вале шароб нахоҳӣ
нӯшид ва ангур нахоҳӣ чид, зеро ки онро кирм хоҳад хӯрд+.

40 Дарахтони зайтун дар тамоми ҳудуди ту хоҳад буд, вале равған
ба баданат нахоҳӣ молид, зеро ки зайтуни ту норасида хоҳад рехт.
41 Писарон ва духтарон ба дуньё хоҳӣ овард, вале онҳо аз они ту
нахоҳанд буд, зеро ки ба асирӣ хоҳанд рафт+.
42 Ҳамаи дарахтонат ва маҳсули заминатро малах нобуд хоҳад
кард.
43 Ғарибе ки дар миёни туст, бар ту торафт баланд хоҳад шуд, ва ту
торафт ба паст хоҳӣ афтод.
44 Вай ба ту қарз хоҳад дод, вале ту ба вай қарз нахоҳӣ дод; вай сар
хоҳад буд, вале ту дум хоҳӣ буд.
45 Ва ҳамаи ин лаънатҳо бар ту хоҳад омад, ва туро таъқиб намуда,
ба ту хоҳад расид, то даме ки маҳв шавӣ, зеро ки ту ба овози
Худованд Худои худ гӯш надодӣ, то ки аҳкому фароизи Ӯро, ки ба ту
амр фармуда буд, риоя намоӣ;
46 Ва онҳо бар ту ва бар насли ту то абад аломат ва ибрат хоҳад
буд.
47 Азбаски ту Худованд Худои худро бо шодӣ ва дилхушӣ барои
фаровонии ҳар чиз ибодат накардӣ, —+
48 Бинобар ин ту ба душмани худ, ки Худованд варо бар ту хоҳад
фиристод, ба сабаби гуруснагӣ ва ташнагӣ ва бараҳнагӣ ва камии ҳар
чиз хизмат хоҳӣ кард, дар сурате ки вай юғи оҳанин бар гардани ту
хоҳад гузошт, то даме ки туро несту нобуд кунад+.
49 Худованд аз дурдаст, аз ақсои замин халқеро, ки мисли уқоб
мепарад, бар ту хоҳад овард, — халқе ки забонашро ту нахоҳӣ
фаҳмид,+
50 Халқи рӯйнатане ки поси хотири пиронро нигоҳ намедорад, ва
ба ҷавонон раҳм намекунад;
51 Ва самараи чорпоёнат ва ҳосили заминатро хоҳад хӯрд, то даме
ки хонавайрон шавӣ, ба тавре ки ғалла, шираи ангур, равғани зайтун,
зоиши говонат ва афзоиши гӯсфандонатро барои ту боқӣ нахоҳад
гузошт, то даме ки туро маҳв созад;+
52 Ва туро дар ҳамаи шаҳрҳоят муҳосира хоҳад кард, то даме ки
деворҳои баланд ва мустаҳками туро, ки ба онҳо таваккал менамоӣ,
дар тамоми заминат хароб кунад; ва туро дар тамоми шаҳрҳоят, дар
тамоми заминат, ки онро Худованд Худоят ба ту медиҳад, муҳосира
хоҳад кард+.

[53] Ва ту меваи батни худро, яъне гӯшти писаронат ва
духтаронатро, ки Худованд Худоят ба ту додааст, дар муҳосира ва
тангие ки душманат бар ту оварад, хоҳӣ хӯрд+.
[54] Марди нозпарварде ки дар миёни ту ба айшу ишрат одат карда
буд, чашмаш ба бародараш ва зани ҳамоғӯшаш ва бақияи
фарзандонаш, ки боқӣ мемонанд, бад хоҳад шуд,
[55] Ба тавре ки вай ба ҳеҷ яке аз онҳо аз гӯшти фарзандони худ, ки
мехӯрад, нахоҳад дод, зеро дар муҳосира ва тангие ки душманат дар
ҳамаи шаҳрҳоят бар ту оварад, чизе барои вай боқӣ нахоҳад монд.
[56] Зани нозпарварде ки дар миёни ту ба айшу ишрат одат карда
буд, ва ба сабаби айшу ишрат ва нозпарвардагӣ ҷуръат надошт кафи
пояшро ба замин монад, чашмаш ба шавҳари ҳамоғӯшаш ва писараш
ва духтараш бад хоҳад шуд,
[57] Ва низ ба ҳамроҳаке ки аз миёни пойҳояш берун меояд, ва ба
писароне ки мезояд; зеро ки вай онҳоро, ба сабаби камии ҳар чиз,
дар муҳосира ва тангие ки душманат дар шаҳрҳои ту бар ту оварад,
ба таври пинҳонӣ хоҳад хӯрд+.
[58] Агар ҳамаи суханони ин шариатро, ки дар ин китоб навишта
шудааст, риоя намуда ба амал наоварӣ, ва аз ин исми арҷманд ва
саҳмгин, яъне аз Худованд Худои худ натарсӣ, —
[59] Худованд ба ту ва ба насли ту зарбаҳои даҳшатангез хоҳад
расонид, зарбаҳои азим ва давомдор, ва бемориҳои сахт ва давомдор;
[60] Ва ҳамаи дардҳои Мисрро, ки аз онҳо метарсидӣ, ба сари ту
хоҳад овард, ва онҳо ба ту хоҳад часпид+.
[61] Низ ҳар беморӣ ва зарбаеро, ки дар ин китоби шариат навишта
нашудааст, Худованд ба сари ту хоҳад овард, то даме ки маҳв шавӣ.
[62] Ва аз шумо шумораи каме боқӣ хоҳанд монд, ва ҳол он ки шумо
мисли ситорагони осмон сершумор будед; зеро ки ту ба овози
Худованд Худои худ гӯш надодӣ+.

## Дар натиҷаи беитоатии бардавом дар рӯи замин пароканда хоҳед шуд.

[63] Ва чунин воқеъ хоҳад шуд, ки чӣ тавре ки Худованд шодикунон
ба шумо эҳсон намуда, шуморо афзун гардонида буд, ҳамон тавр
Худованд шодикунон шуморо несту нобуд хоҳад кард, ва шумо аз

замине ки барои тасарруф кардани он ба он дохил мешавед, ронда хоҳед шуд+.
[64] Ва Худованд туро дар миёни ҳамаи қавмҳо, аз як канори замин то канори дигари замин, пароканда хоҳад кард; ва дар он ҷо ту худоёни дигарро, ки аз чӯб ва санг иборатанд, ва онҳоро ту ва падаронат намешинохтед, ибодат хоҳӣ кард+.
[65] Ва дар миёни он халқҳо ту фароғат нахоҳӣ ёфт, ва барои кафи поят оромӣ нахоҳад буд, ва дар он ҷо Худованд ба ту дили беқарор ва чашмони чор ва ҷони пурозор хоҳад дод.
[66] Ва ҳаёти ту пеши назари ту ба мӯе овезон хоҳад буд, ва ту рӯзонаю шабона ҳаросон шуда, ба ҳаёти худ дилпурӣ нахоҳӣ дошт.
[67] Субҳгоҳон хоҳӣ гуфт: „Кошки шом мебуд!“, ва шомгоҳон хоҳӣ гуфт: „Кошки субҳ мебуд!“ — ба сабаби тарси дили худ, ки туро фаро хоҳад гирифт, ва ба сабаби рӯъёи чашмони худ, ки ту хоҳӣ дид+.
[68] Ва туро Худованд дар киштиҳо бо роҳе ки дар бораи он ба ту гуфта будам: „Дигар ҳаргиз нахоҳед дид“, ба Миср хоҳад баргардонид; ва шумо дар он ҷо худро ба душманони худ барои ғуломӣ ва канизӣ хоҳед фурӯхт, вале харидоре нахоҳад буд»+.

## Аз нав барқарор кардани аҳд.

**29** [1] Ин аст суханони аҳде ки Худованд ба Мусо амр фармуд, ки бо банӣ-Исроил дар замини Мӯоб бибандад, ғайр аз он аҳде ки бо онҳо дар Ҳӯриб баста буд+.

[2] Ва Мусо тамоми Исроилро хонда, ба онҳо гуфт: «Ҳар он чиро, ки Худованд пеши назари шумо дар замини Миср ба фиръавн ва ҳамаи бандагонаш ва тамоми заминаш ба амал овард, шумо дидаед:

[3] Он имтиҳонҳои бузургро, ки чашмони шумо дид, он аломот ва мӯъҷизоти азимро;

[4] Валекин Худованд диле барои донистан ва чашмон барои дидан ва гӯшҳо барои шунидан то имрӯз ба шумо надодааст+.

[5] Ва ман шуморо чил сол дар биёбон бурдам; либоси шумо бар танатон ҷиғда-ҷиғда нашуд, ва кафшатон бар поятон пора нашуд+.

[6] Нон нахӯрдед ва бӯза нанӯшидед, то бидонед, ки Ман Худованд Худои шумо ҳастам+.

[7] Ва ба ин макон расидед, ва Сиҳӯн, подшоҳи Ҳешбӯн, ва Ӯҷ, подшоҳи Бошон, ба истиқболи мо барои ҷанг берун омаданд, ва мо онҳоро торумор кардем+.

[8] Ва замини онҳоро гирифта, ба реубениён ва ҷодиён ва нисфи сибти менашшеиён ҳамчун мулк додем+.

[9] Пас, суханони ин аҳдро риоя намоед ва онҳоро ба ҷо оваред, то ки дар ҳар чи мекунед, муваффақият ба даст оваред+.

[10] Имрӯз ҳамаи шумо ба ҳузури Худованд Худои худ истодаед, яъне сардорони шумо, сибтҳои шумо, пирони шумо ва нозирони шумо, ҳамаи мардони Исроил,

[11] Кӯдакони шумо, занони шумо, ва ғарибе ки андаруни ӯрдугоҳи шумост, аз ҳезумкафони ту гирифта то машкоби ту, —+

[12] То ки ба аҳди Худованд Худои худ ва ба савгандномаи Ӯ, ки Худованд Худоят имрӯз бо ту мебандад, дохил шавӣ,

[13] То ки Ӯ туро имрӯз қавми Худ таъин намояд, ва Ӯ Худои ту бошад, чунон ки Ӯ ба ту гуфтааст, ва чунон ки ба падаронат Иброҳим, Исҳоқ ва Яъқуб қасам хӯрдааст+.

[14] Ва на танҳо бо шумо ман ин аҳд ва ин савгандномаро мебандам,

[15] Балки ҳам бо онҳое ки имрӯз ҳамроҳи мо ба ҳузури Худованд Худои мо истодаанд, ва ҳам бо онҳое ки имрӯз дар ин ҷо ҳамроҳи мо

нестанд.
[16] Зеро шумо медонед, ки чӣ гуна мо дар замини Миср умр ба сар
мебурдем, ва чи гуна мо аз миёни халқҳое ки шумо убур намудед,
гузаштем.
[17] Ва шумо қабоҳатҳо ва бутҳои онҳоро, ки иборат аз чӯб ва санг,
ва нуқра ва тилло дар миёни онҳо буд, дидед.
[18] Мабодо дар миёни шумо мард ё зан, ё қабила ё сибте бошад, ки
дилаш имрӯз аз Худованд Худои мо гардад, то ки рафта, худоёни он
халқҳоро ибодат намояд; мабодо дар миёни шумо решае бошад, ки
заҳр ва явшон ба вуҷуд оварад, —+
[19] Ва ҳангоме ки вай суханони ин савгандномаро бишнавад, дар
дили худ худро баракат дода, гӯяд: „Бо вуҷуди он ки дар сахтии дили
худ рафтор менамоям, то ки сероб ва ташнаро якҷоя нобуд кунам,
ман саломат хоҳам монд“, —
[20] Худованд варо нахоҳад омурзид, балки он вақт ғазаби Худованд
ва рашки Ӯ бар он кас аланга хоҳад зад, ва тамоми лаънате ки дар ин
китоб навишта шудааст, ба сари вай хоҳад омад, ва Худованд номи
варо аз зери осмон маҳв хоҳад кард;+
[21] Ва Худованд варо аз ҳамаи сибтҳои Исроил барои ҳалокат ҷудо
хоҳад кард, бар тибқи ҳамаи лаънатҳои аҳде ки дар ин китоби
шариат навишта шудааст.
[22] Ва насли баъдина, яъне фарзандони шумо, ки баъд аз шумо
пайдо хоҳанд шуд, ва аҷнабиёне ки аз замини дурдаст хоҳанд омад,
ҳангоме ки мусибатҳои ин замин ва вабоҳоеро, ки Худованд ба сари
он меоварад, бубинанд, хоҳанд гуфт:
[23] „Тамоми замин сӯхта, ба кибрит ва шӯра табдил ёфтааст, кишт
карда намешавад, ва ҳосиле намерӯёнад, ва ҳеҷ як алафе дар он
намесабзад, монанди табаддулоти Садӯм ва Амӯро, Адмо ва Сабӯим,
ки онҳоро Худованд дар хашм ва ғазаби худ вожгун карда буд“+.
[24] Ва ҳамаи халқҳо хоҳанд гуфт: „Аз чӣ сабаб Худованд ба ин
замин чунин амал кардааст? Шиддати ин ғазаби азим аз чӣ сабаб
аст?“+
[25] Ва хоҳанд гуфт: „Аз он сабаб аст, ки онҳо аҳди Худованд Худои
падарони худро, ки дар вақти берун овардани онҳо аз замини Миср
бо онҳо баста буд, тарк карданд,+

[26] Ва рафта, худоёни дигарро ибодат карданд ва ба онҳо саҷда
бурданд, — худоёнеро, ки намешинохтанд, ва Ӯ насибаи онҳо
нагардонида буд;
[27] Бинобар ин хашми Худованд бар ин замин аланга зад, ва Ӯ
тамоми лаънатеро, ки дар ин китоб навишта шудаст, бар он овард;+
[28] Ва Худованд онҳоро бо ғазаб ва хашм ва қаҳри азим аз
заминашон решакан карда, ба замини дигаре партофт, чунон ки
имрӯз воқеъ шудааст“+.
[29] Чизҳои ниҳонӣ аз они Худованд Худои мост, ва чизҳои ошкор то
абад аз они мо ва фарзандони мост, то ки ҳамаи суханони ин
шариатро ба амал оварем+.

## Мусо ба тавбакунандагон эҳсон ваъда медиҳад.

30 [1] Ва ҳангоме ки ҳамаи ин суханон, яъне баракат ва лаънате
ки ба ту пешниҳод намудам, ба сари ту ояд, ва ту онҳоро дар
миёни ҳамаи халқҳое ки туро Худованд Худоят ба он ҷо пароканда
созад, дар дили худ ҷой диҳӣ,+
[2] Ва сӯи Худованд Худои худ руҷӯъ намоӣ, ва ту ҳамроҳи
фарзандонат, мувофиқи ҳар он чи ман имрӯз ба ту амр мефармоям,
бо тамоми дили худ ва бо тамоми ҷони худ ба овози Ӯ гӯш андозӣ, —
+
[3] Он гоҳ Худованд Худоят асирони туро хоҳад баргардонид, ва ба
ту раҳм хоҳад намуд, ва аз нав туро аз миёни ҳамаи қавмҳое ки
Худованд Худоят туро ба он ҷо пароканда созад, ҷамъ хоҳад кард+.
[4] Ҳатто агар парокандагии ту то ақсои осмон бошад, аз он ҷо туро
Худованд Худоят ҷамъ хоҳад кард ва аз он ҷо туро хоҳад гирифт,+
[5] Ва туро Худованд Худоят ба замине ки падаронат тасарруф карда
буданд, хоҳад овард, ва ту онро тасарруф хоҳӣ кард, ва Ӯ ба ту
марҳамат намуда, туро бештар аз падаронат афзун хоҳад гардонид.
[6] Ва Худованд Худоят дили ту ва дили насли туро махтун хоҳад
кард, то ки Худованд Худои худро бо тамоми дили худ ва бо тамоми
ҷони худ дӯст дошта, зинда бимонӣ+.
[7] Ва Худованд Худоят ҳамаи ин лаънатҳоро бар сари душманон ва
бадхоҳони ту, ки туро таъқиб мекарданд, хоҳад овард+.
[8] Ва ту баргашта, ба овози Худованд гӯш хоҳӣ дод, ва тамоми
аҳкоми Ӯро, ки ман имрӯз ба ту амр мефармоям, ба амал хоҳӣ овард.
[9] Ва Худованд Худоят ба ту дар ҳар амали дастат, дар меваи
батнат, ва дар зоиши чорпоёнат, ва дар ҳосили заминат ба некӯӣ
комьёбии зиёде хоҳад бахшид, зеро Худованд аз нав дар бораи ту ба
некӯӣ шодӣ хоҳад кард, чунон ки дар бораи падаронат шодӣ мекард,
[10] Агар ту ба овози Худованд Худои худ гӯш андохта, аҳком ва
фароизи Ӯро, ки дар ин китоби шариат навишта шудааст, риоя
намоӣ, ва агар ту бо тамоми дили худ ва бо тамоми ҷони худ сӯи
Худованд Худои худ баргардӣ.

## Огоҳии охирин.

[11] Зеро ки аҳкоме ки ман имрӯз ба ту амр мефармоям, барои ту
дастнорас нест, ва дур нест.
[12] Он дар осмон нест, ки бигӯӣ: „Кист, ки барои мо ба осмон сууд
намуда, онро барои мо бигирад, ва онро ба мо бишнавонад, то ки
онро ба амал оварем?“+
[13] Ва он дар он тарафи баҳр нест, ки бигӯӣ: „Кист, ки барои мо ба
он тарафи баҳр убур намуда, онро барои мо бигирад, ва онро ба мо
бишнавонад, то ки онро ба амал оварем?“
[14] Балки ин чиз бағоят ба ту наздик аст, он дар даҳон ва дили туст,
то ки онро ба амал оварӣ.
[15] Инак, ман имрӯз ба ту ҳаёт ва некӯӣ, ва мамот ва бадиро
пешниҳод кардам,+
[16] Ва ман имрӯз ба ту амр мефармоям, ки Худованд Худои худро
дӯст бидорӣ, бо роҳҳои Ӯ равона шавӣ, ва аҳком ва фароиз ва
дастуроти Ӯро риоя намоӣ, то ки зинда монда афзун шавӣ, ва туро
Худованд Худоят дар замине ки барои тасарруф кардани он ба он
дохил мешавӣ, баракат диҳад.
[17] Валекин агар дили ту гардад, ва ту гӯш надиҳӣ, ва гумроҳ шуда,
ба худоёни дигар саҷда барӣ ва онҳоро ибодат намоӣ, —
[18] Пас, имрӯз ман шуморо огоҳ мекунам, ки ҳатман талаф хоҳед
шуд, ва дар замине ки аз Урдун убур карда, ба он дохил мешавед, то
ки онро тасарруф намоед, умри дароз нахоҳед дид.
[19] Имрӯз осмон ва заминро ман пеши шумо ба шоҳидӣ даъват
менамоям, ки ҳаёт ва мамотро, яъне баракат ва лаънатро ба шумо
пешниҳод кардам; пас, ҳаётро ихтиёр намо, то ки ту бо насли худ
зинда бимонӣ,
[20] Худованд Худои худро дӯст бидорӣ, ба овози Ӯ гӯш диҳӣ ва ба Ӯ
бичаспӣ, зеро ки Ӯ ҳаёти ту ва дарозии умри туст, то ки ту дар
замине ки худованд ба падаронат Иброҳим, Исҳоқ ва Яъқуб қасам
хӯрдааст, ки онро ба онҳо бидиҳад, сукунат намоӣ»+.

## Мусо ба коҳинон, левизодагон ва Еҳушаъ ибни Нун дастуроти охирин медиҳад.

# 31

1 Ва Мусо рафта, ин суханонро ба тамоми банӣ-Исроил баён
кард,
2 Ва ба онҳо гуфт: «Ман имрӯз саду бистсола шудаам, дигар ёрои
баромадан ва даромадан надорам, ва Худованд ба ман гуфтааст: „Ту
аз ин Урдун убур нахоҳӣ кард“+.
3 Худованд Худоят Худаш пешопеши ту убур хоҳад намуд, Худаш
ин халқҳоро аз пеши ту маҳв хоҳад кард, то ки ту онҳоро зердаст
намоӣ; Еҳушаъ пешопеши ту убур хоҳад намуд, чунон ки Худованд
гуфтааст+.
4 Ва Худованд ба онҳоончунон амал хоҳад кард, чунон ки ба
Сиҳӯн ва Ӯҷ, подшоҳони амӯриён, ва ба замини онҳо амал карда,
онҳоро маҳв намуд+.
5 Ва Худованд онҳоро ба дасти шумо хоҳад супурд, ва шумо ба
онҳо мувофиқи тамоми аҳкоме ки ман ба шумо амр фармудаам,
амал намоед+.
6 Кавӣ ва далер бошед, аз онҳо натарсед ва ҳаросон нашавед, зеро
ки Худованд Худоят Худаш бо ту меравад; Ӯ аз ту даст нахоҳад кашид
ва туро тарк нахоҳад кард»+.
7 Ва Мусо Еҳушаъро хонда, пеши назари тамоми Исроил ба вай
гуфт: «Қавӣ ва далер бош, зеро ки ту бо ин қавм ба замине ки
Худованд ба падаронашон қасам хӯрдааст, ки ба онҳо бидиҳад, дохил
хоҳӣ шуд, ва ту онро ба онҳо ҳамчун мулк тақсим хоҳӣ кард+.
8 Ва Худованд Худаш пешопеши ту меравад, Ӯ бо ту хоҳад буд, аз
ту даст нахоҳад кашид ва туро тарк нахоҳад кард; натарс ва ҳаросон
нашав».
9 Ва Мусо ин шариатро навишт, ва онро ба коҳинони банӣ-Левӣ, ки
сандуқи аҳди Худовандро мебардоштанд, ва ба пирони Исроил дод.
10 Ва Мусо ба онҳо амр фармуда, гуфт: «Дар соли ҳафтум, дар
вақти соли муоф, дар иди хаймаҳо,+
11 Ҳангоме ки тамоми Исроил биёянд, то ки ба ҳузури Худованд
Худои ту дар маконе ки Ӯ баргузинад, ҳозир шаванд, ин шариатро
пеши тамоми Исроил хонда, ба самъи онҳо бирасон+.

[12] Қавмро — мардон ва занон ва кӯдакон, ва ғарибонеро, ки дар
шаҳрҳои ту мебошанд, — ҷамъ кун, то ки бишнаванд ва таълим
гиранд ва аз Худованд Худои шумо битарсанд, ва ҳамаи суханони ин
шариатро риоя намуда, ба амал оваранд+.
[13] Ва писарони онҳо, ки инро намедонанд, бишнаванд ва таълим
гиранд, то ки аз Худованд Худои шумо битарсанд, дар тамоми айёме
ки шумо дар замине ки барои тасарруф кардани он аз Урдун убур
менамоед, умр ба сар хоҳед бурд».

## Дастуроти Худованд ба Мусо ва Еҳушаъ ибни Нун.

[14] Ва Худованд ба Мусо гуфт: «Инак, айёми мурдани ту наздик аст;
Еҳушаъро бихон, ва дар хаймаи ҷомеъ ҳозир шавед, то ки ба вай
дастурот диҳам». Ва Мусо ва Еҳушаъ рафта, дар хаймаи ҷомеъ ҳозир
шуданд+.
[15] Ва Худованд андаруни сутуни абр дар хайма зоҳир шуд; ва
сутуни абр бар дари хайма истод+.
[16] Ва Худованд ба Мусо гуфт: «Инак, ту бо падаронат мехобӣ, ва ин
кавм бархоста, худоёни бегонаи заминеро, ки ба он ҷо дар миёни
онҳо мераванд, зинокорона пайравӣ хоҳанд намуд, ва Маро тарк
карда, аҳдеро ки бо онҳо бастаам, хоҳанд шикаст;+
[17] Ва ғазаби Ман бар онҳо дар он рӯз аланга зада, онҳоро тарк
хоҳам кард, ва рӯи Худро аз онҳо пинҳон хоҳам дошт, ва онҳо талаф
хоҳанд шуд, ва бадиҳо ва кулфатҳои зиёде ба сари онҳо хоҳад омад;
ва дар он рӯз онҳо хоҳанд гуфт: „Азбаски Худои мо дар миёни мо
нест, ин бадиҳо ба сари мо омадааст“+.
[18] Вале Ман рӯи Худро дар он рӯз албатта пинҳон хоҳам дошт, ба
сабаби тамоми бадие ки онҳо ба амал оварданд, вақте ки ба худоёни
дигар руҷӯъ карданд.
[19] Ва алҳол ин сурудро барои худ бинависед, ва ту онро ба банӣ-
Исроил таълим дода, дар даҳонашон бимон, то ки ин суруд барои
Ман шаҳодате бар банӣ-Исроил бошад,+
[20] Зеро ки Ман онҳоро, чунон ки ба падаронашон қасам хӯрдаам,
ба замине дохил мекунам, ки шир ва асал дар он ҷорист, ва онҳо
хӯрда, сер ва фарбеҳ хоҳанд шуд, ва ба худоёни дигар руҷӯъ намуда,
онҳоро ибодат хоҳанд кард, ва Маро ба хашм оварда, аҳди Маро
хоҳанд шикаст+.

21 Ва ҳангоме ки бадиҳо ва кулфатҳои зиёд ба сари онҳо биёяд, ин
суруд мисли шаҳодате бар онҳо гувоҳӣ хоҳад дод, зеро ки он аз
даҳони насли онҳо фаромӯш нахоҳад шуд; чунки Ман иштиёқи онҳо,
ва он чиро, ки онҳо имрӯз мекунанд, медонам, пеш аз он ки онҳоро
ба замине ки дар бораи он қасам хӯрдаам, дохил кунам».
22 Ва Мусо ин сурудро дар он рӯз навишт, ва онро ба банӣ-Исроил
таълим дод.
23 Ва Худованд ба Еҳушаъ ибни Нун амр фармуда, гуфт: «Қавӣ ва
далер бош, зеро ки ту банӣ-Исроилро ба замине ки дар бораи он ба
онҳо қасам хӯрдаам, дохил хоҳӣ кард, ва Ман бо ту хоҳам буд»+.
24 Ва ҳангоме ки Мусо навиштани суханони ин шариатро дар
китоб комилан ба анҷом расонид,+
25 Мусо ба левизодагоне ки сандуқи аҳди Худовандро
мебардоштанд, амр фармуда, гуфт:
26 «Ин китоби шариатро бигиред, ва онро дар паҳлуи сандуқи аҳди
Худованд Худои худ бимонед, то ки он дар он ҷо шаҳодате бар ту
бошад+.
27 Зеро ки ман балвогарӣ ва гарданкашии туро медонам; инак,
имрӯз, ки ман ҳанӯз бо шумо зинда ҳастам, шумо ба Худованд балво
мебардоштед; алалхусус баъд аз мурдани ман!
28 Ҳамаи пирони сибтҳои худ ва нозирони худро назди ман ҷамъ
кунед, то ки ин суханонро ба самъи онҳо бирасонам, ва осмону
заминро бар онҳо барои шоҳидӣ даъват намоям.
29 Зеро медонам, ки шумо, баъд аз мурдани ман тамоман фосид
гардида, аз роҳе ки ба шумо амр фармудаам, дур хоҳед шуд, ва дар
охири айём бадӣ бар шумо хоҳад омад, зеро ки он чи дар назари
Худованд бад аст, ба амал хоҳед овард, то ки Ӯ ро бо аъмоли дасти
худ ба хашм оваред»+.
30 Ва Мусо суханони ин сурудро, то ба охири онҳо, ба самъи
тамоми ҷамоати Исроил ба забон ронд:

## Суруди Мусо.

2 [1] «Гӯш андоз, эй осмон, ки ман сухан хоҳам ронд,
ва бигзор замин нутқи даҳонамро бишнавад+.
[2] Сабақи ман мисли борон хоҳад борид,
нутқи ман мисли шабнам хоҳад рехт,
мисли қатраҳои борони маҳин бар майсазор,
ва мисли борони сел бар алафзор+.
[3] Исми Худовандро ба забон хоҳам ронд;
кибриёи Худои моро мадҳ кунед.
[4] Ӯ Кӯҳпора аст, амалиёти Ӯ комил аст,
зеро ки ҳамаи роҳҳои Ӯ одилона аст;
Ӯ Худои амин аст ва ноинсофӣ надорад,
Ӯ одил ва ҳаққонист+.
[5] Онҳо фосид шудаанд;
аз боиси нуқсони худ фарзандони Ӯ нестанд;
насли саркаш ва каҷкоранд.
[6] Оё подоши шумо барои Худованд ҳамин аст, эй қавми разил ва беақл?
Ӯ, охир, падари туст, молики туст,
Ӯ туро офарид ва туро устувор кард+.
[7] Айёми қадимро ба ёд овар,
дар бораи солҳои наслҳои пешина мулоҳиза намо;
аз падари худ бипурс, ва ӯ ба ту ҳикоят хоҳад кард;
аз пирони худ бипурс, ва онҳо ба ту хоҳанд гуфт+.
[8] Ҳангоме ки Ҳаққи Таоло ба халқҳо амлок дод,
ҳангоме ки Ӯ банӣ-Одамро пароканда кард,
Ӯ ҳудуди қавмҳоро мувофиқи шумораи банӣ-Исроил муқаррар намуд+.
[9] Зеро ки насибаи Худованд қавми Ӯст;
Яъқуб қитъаи мероси Ӯст+.
[10] Варо дар биёбон ёфт, дар замини халои пур аз уллос;
варо пуштибонӣ намуд, ба вай назорат кард,
варо ҳамчун гавҳараки чашми Худ нигоҳ дошт+.
[11] Чунон ки уқоб аҳли лонаи худро бедор карда,
бар чӯҷаҳои худ мепарад,

ва болҳои худро паҳн карда, онҳоро мегирад,
ва бар болу пари худ бардошта мебарад,+
12 Ончунон Худованд танҳо варо ҳидоят намуд,
ва худои бегонае бо вай набуд.
13 Варо Ӯ бар баландиҳои замин баровард,
то ки аз маҳсулоти саҳроҳо бихӯрад,
варо асал аз сахра хӯронид,
ва равған аз санги хоро,+
14 Ва маскаи гов, ва шири гӯсфанд,
ва равғани барраҳо ва қӯчқорҳои бошонӣ ва бузҳо,
ва гули орди гандуми гузин;
ва ту хуни раз, ки шароби фашшосӣ буд, нӯшидӣ.
15 Вале Ешурун* фарбеҳ шуда, ба лагад задан даромад;
ту фарбеҳ, ғафс ва тануманд шудаӣ; —
ва Худоро, ки Офаринандаи вай аст, тарк кард,
ва Кӯҳпораи наҷоти худро хорӣ дод+.
16 Бо худоёни ғайр онҳо рашки Ӯро оварданд,
бо корҳои зишт Ӯро хашмгин карданд+.
17 Ба девҳо, на ин ки ба Худо, қурбонӣ карданд,
ба худоёне ки намешинохтанд,
ба худоёни наве ки ба қарибӣ пайдо шуда буданд,
ва падаронатон аз онҳо наметарсиданд+.
18 Ба Кӯҳпорае ки туро ба дуньё овард, беэътиноӣ кардӣ,
ва Худои Офаринандаи худро аз хотир баровардӣ+.
19 Ва Худованд инро дида, дарғазаб шуд,
чунки писаронаш ва духтаронаш Ӯро ба хашм оварданд.
20 Ва гуфт: „Рӯи Худро аз онҳо пинҳон хоҳам дошт,
то бубинам, ки оқибати онҳо чӣ хоҳад буд;
зеро ки онҳо насли ҳардамхаёланд,
фарзандонеанд, ки амин нестанд.
21 Онҳо бо он чи худо нест, рашки Маро оварданд,
бо чизҳои ҳеҷу пучи худ Маро хашмгин карданд;
пас, Ман бо он чи қавм нест, рашки онҳоро хоҳам овард,
бо халқи разиле онҳоро хашмгин хоҳам кард+.
22 Зеро ки оташи ғазаби Ман аланга задааст,

ва то асфалуссофилин фурӯзон шудааст,
ва заминро бо ҳосили он фурӯ мебарад,
ва асоси кӯҳҳоро месӯзонад+.
23 Бар онҳо мусибатҳоро ҷамъ хоҳам овард,
тирҳои Худро бар онҳо тамом хоҳам кард:+
24 Аз гуруснагӣ беҳол, ва аз таб ва тоуни сахт нобуд хоҳанд шуд;
дандони даррандагон ва заҳри ҳазандагони рӯи заминро бар онҳо
хоҳам фиристод+.
25 Аз берун онҳоро шамшер талаф хоҳад кард,
ва аз даруни хонаҳо — даҳшат:
ҳам ҷавонон, ҳам дӯшизагон,
ҳам ширхорагон ва ҳам мӯйсафедонро+.
26 Мегуфтам: онҳоро ба ҳар ҷониб пароканда хоҳам кард,
зикрашонро аз миёни мардум маҳв хоҳам сохт, —
27 Агар аз хашми душман хавотир намедоштам,
ки мабодо бадхоҳони онҳо ғалат таъбир карда,
бигӯянд: дасти мо боло шуд,
ва Худованд ҳамаи инро накардааст“+.
28 Зеро ки онҳо халқи бемулоҳизаанд,
ва фаҳме надоранд+.
29 Кошки соҳибақл буда, дар ин хусус мулоҳиза мекарданд
ва чигунагии оқибати худро мефаҳмиданд:
30 Чӣ гуна як нафар ҳазор нафарро таъқиб менамуд,
ва ду нафар як беварро мегурезонид,
агар Кӯҳпораашон онҳоро таслим намекард,
ва Худованд онҳоро намесупурд+?
31 Зеро ки кӯҳпораи онҳо мисли Кӯҳпораи мо нест;
ва душманони мо пеши доварон мулзам хоҳанд шуд+.
32 Зеро ки токи онҳо аз токҳои Садӯм аст,
ва аз саҳроҳои Амӯро;
ангури онҳо ангури заҳрдор аст,
хӯшаҳояш талх аст;+
33 Шароби онҳо кафки даҳони аждаҳост,
ва заҳри қотили морони афъӣ+.
34 Ин, охир, назди Ман пӯшида аст,
дар ганҷинаҳои Ман ниҳон аст;

[35] Интиқом ва подош назди Ман аст,
вақте ки пои онҳо билағжад;
зеро ки рӯзи ҳалокати онҳо наздик аст,
ва шикасти ояндаи онҳо ба зудӣ фаро хоҳад расид+.
[36] Зеро ки Худованд доди қавми Худро хоҳад ситонид,
ва бар бандагони Худ шафқат хоҳад кард,
чун бубинад, ки онҳо аз ҳол рафтаанд,
ва ҳеҷ кас — на ғуломе,
на озоде — боқӣ намондааст+.
[37] Ва Ӯ хоҳад гуфт: „Куҷоянд худоёни онҳо,
ва кӯҳпорае ки таваккал ба он мекарданд,+
[38] Яъне худоёне ки чарбуи қурбониҳои онҳоро мехӯрданд,
ва шароби ҳадияҳои рехтании онҳоро менӯшиданд?
Бигзор онҳо бархоста, ба шумо мадад расонанд,
бигзор онҳо барои шумо паноҳгоҳ шаванд!
[39] Пас, алҳол бубинед, ки Ӯ — Ман ҳастам, Ман;
ва ғайр аз Ман худое нест;
Ман мемиронам ва зинда мекунам,
Ман маҷрӯҳ менамоям ва шифо медиҳам,
ва касе наметавонад аз дасти Ман раҳо кунад+.
[40] Инак, дасти Худро сӯи осмон баланд мекунам,
ва мегӯям: Ман то абад зинда ҳастам!
[41] Вақте ки шамшери барроқи Худро тез кунам,
ва дасти Ман ба доварӣ шурӯъ намояд,
он гоҳ аз душманони Худ интиқом хоҳам гирифт,
ва ба бадхоҳони Худ подош хоҳам дод+.
[42] Тирҳои Худро аз хун маст хоҳам кард,
ва шамшери Ман гӯшт хоҳад хӯрд, —
аз хуни мақтулон ва асирон,
аз каллаҳои кафидаи душманон“+.
[43] Эй халқҳо, бо қавми Ӯ хушнӯд шавед!
Зеро ки Ӯ барои хуни бандагони Худ интиқом хоҳад гирифт,
ва бо интиқом ба душманони Худ подош хоҳад дод,
ва замини Худ ва қавми Худро кафорат хоҳад кард»+.

[44] Ва Мусо омада, ҳамаи суханони ин сурудро ба самъи қавм ба
забон ронд, — ӯ ва Еҳушаъ ибни Нун.

## Мусо ба қавм мурочиат мекунад.

45 Ва ҳангоме ки Мусо ба забон рондани ҳамаи ин суханонро ба
тамоми Исроил ба анҷом расонид,
46 Ба онҳо гуфт: «Ба ҳамаи суханоне ки ман имрӯз ба шумо талқин
менамоям, диққат диҳед, то ба фарзандони худ амр фармоед, ки
ҳамаи суханони ин шариатро риоя намуда, ба амал оваранд+.
47 Зеро ки ин барои шумо як чизи хушкухолӣ нест, зеро ки ин
ҳаёти шумост, ва ба воситаи он шумо умри худро дар замине ки
барои тасарруф кардани он аз Урдун убур менамоед, дароз хоҳед
кард»+.
48 Ва Худованд дар ҳамон рӯз ба Мусо сухан ронда, гуфт:
49 «Ба ин кӯҳи Аборим, яъне кӯҳи Набӯ, ки дар замини Мӯоб, дар
рӯ ба рӯи Ериҳӯ воқеъ аст, баро, ва ба замини Канъон, ки Ман онро ба
банӣ-Исроил ҳамчун мулк медиҳам, назар андоз+.
50 Ва ту дар кӯҳе ки ба он мебароӣ, бимир, ва ба қавми худ пайваст
шав, чунон ки бародарат Ҳорун дар кӯҳи Ҳӯр мурда, ба қавми худ
пайваст шуд,+
51 Аз боиси он ки шумо андаруни банӣ-Исроил, назди обҳои
Мерибо, дар биёбони Син ба ман имон наовардед; аз боиси он ки
шумо Маро андаруни банӣ-Исроил тақдис накардед+.
52 Пас, ту аз дур ин заминро хоҳӣ дид, вале ба он ҷо, ба замине ки
Ман ба банӣ-Исроил медиҳам, дохил нахоҳӣ шуд»+.

## Баракати сибтҳои Исроил.

33 [1] •Ва ин аст баракате ки Мусо, марди Худо, пеш аз фавти худ
бо он банӣ-Исроилро баракат дод,+
[2] Ва гуфт:
«Худованд аз Сино омад,
ва аз Сеир бар онҳо тулӯъ кард,
аз кӯҳи Форон зоҳир шуд,
ва аз миёни беварҳои муқаддасон падид омад;
аз ямини Ӯ оташи шариат барои онҳо фурӯзон буд+.
[3] Ба яқин Ту қавмҳоро дӯст медорӣ;
ҳамаи муқаддасонашон дар дасти Ту ҳастанд,
ва онҳо назди қадамгоҳи Ту ӯрду заданд,
ва суханони Туро қабул карданд, —
[4] Шариатеро, ки Мусо ба мо амр фармуд,
то ки он барои ҷамоати Яъқуб мерос бошад+.
[5] Ва Ӯ бар Ешурун подшоҳ буд,
вақте ки сардорони қавм бо якҷоягии сибтҳои Исроил ҷамъ
шуданд+.
[6] Бигзор Реубен зинда бошад ва намирад,
ва одамонаш камшумор набошанд».
[7] Ва ин аст дар бораи Яҳудо; ва ӯ гуфт:
«Худовандо, овози Яҳудоро бишнав,
ва назди қавмаш варо бирасон;
бигзор дастҳояш варо ҳимоят кунад,
ва Ту ба зидди душманони вай мададгор бош».
[8] Ва дар бораи Левӣ гуфт:
«Туммим ва урими Ту бар марди порсои Туст,
ки варо Ту дар Массо имтиҳон кардаӣ,
ва бо вай назди обҳои Мерибо низоъ намудаӣ;+
[9] Вай дар бораи падар ва модари худ мегӯяд:
„Ман онҳоро надидаам“,
ва бародарони худро намешиносад,
ва писарони худро намедонад;
зеро ки онҳо каломи Туро риоя мекунанд,

ва аҳди Туро ба ҷо меоваранд,+
10 Дастуроти Туро ба Яъқуб таълим медиҳанд,
ва шариати Туро ба Исроил;
дар ҳузури Ту бухур мегузоранд,
ва қурбонии сӯхтанӣ бар қурбонгоҳи ту.
11 Худовандо, қуввати варо баракат бидеҳ,
ва ба амали дастҳои вай таваҷҷӯҳ намо;
камари мухолифони варо бишкан,
то ки бадхоҳони вай натавонанд бихезанд».
12 Дар бораи Биньёмин гуфт:
«Ин маҳбуби Худованд дар паноҳи Ӯ дар амният умр ба сар мебарад;
тамоми рӯз Ӯ варо пуштибонӣ намуда,
дар миёни китфҳои вай сокин мешавад».
13 Ва дар бораи Юсуф гуфт:
«Бигзор замини вай аз ҷониби Худованд бобаракот бошад,
аз неъмати осмон, аз шабнам,
ва аз вартае ки дар таҳти замин воқеъ аст,+
14 Ва аз неъмати маҳсулоти офтоб,
ва аз неъмати набототи моҳ,
15 Ва аз навбарҳои гузини кӯҳҳои қадим,
ва аз неъмати талҳои ҷовидонӣ,+
16 Ва аз неъмати замин ва ҳар чи дар он аст,
ва аз ҳусни таваҷҷӯҳи Сокини хорбутта.
Бигзор ин баракат бар сари Юсуф ояд,
ва бар фарқи сари он ки аз миёни бародарони худ соҳибафсар буд+.
17 Наргови нахустзодаи вай шавкати вай аст,
ва шохҳои он мисли шохҳои бузи ваҳшии дарозшох аст;
бо онҳо қавмҳоро якҷоя то ақсои замин шох мезанад;
ва инҳоянд беварҳои Эфроим,
ва инҳоянд ҳазорҳои Менашше»+.
18 Ва дар бораи Забулун гуфт:
«Эй Забулун, дар берун омадани худ шодӣ кун,
ва ту, эй Иссокор, — дар хаймаҳои худ.
19 Онҳо қавмҳоро ба кӯҳ даъват менамоянд,
дар он ҷо қурбониҳои ҳаққонӣ тақдим мекунанд;
зеро ки аз сарвати баҳрҳо истифода мебаранд,

ва аз ганҷҳое ки дар рег ниҳон аст»+.
20 Ва дар бораи Ҷод гуфт:
«Муборак аст Он ки Ҷодро вусъат додааст;
вай мисли шер сокин аст,
ва бозу ва фарқи сарро медарронад+.
21 Вай қитъаи беҳтаринро барои худ ихтиёр намудааст,
ки дар он ҷо ҳиссаи Қонунгузор мавҷуд аст;
ва бо сардорони қавм омада,
адолати Худованд ва дастуроти Ӯро бо Исроил ба амал меоварад»+.
22 Ва дар бораи Дон гуфт:
«Дон шери ҷавон аст,
ки аз Бошон ҷастухез мекунад»+.
23 Ва дар бораи Нафтолӣ гуфт:
«Ту, эй Нафтолӣ, аз таваҷҷӯҳи Худованд сер шав,
ва аз баракати Ӯ пур бош;
ғарб ва ҷанубро тасарруф намо»+.
24 Ва дар бораи Ошер гуфт:
«Аз писарон Ошер бобаракот аст,
дар миёни бародарони худ маҳбуб мешавад,
ва пои худро дар равған меғӯтонад.
25 Аз оҳан ва мис бандубасти туст,
ва некӯаҳволии ту тамоми умри ту давом мекунад.
26 Худо мисл надорад, эй Ешурун!
Ӯ, ки осмонсавор аст, дар кибриёи Худ бар абрҳо нишаста,
ба мадади ту мешитобад+.
27 Худои азалӣ паноҳгоҳ аст,
ва дар поён то абад ҳимоятгар аст;
ва душманро аз пеши ту бадар меронад,
ва мегӯяд: „Маҳв намо!“+
28 Ва Исроил дар амният сокин мешавад,
манбаи Яъқуб — ба танҳоӣ,
дар замине ки ғалла ва шираи ангураш фаровон аст,
ва аз осмонаш шабнам меборад+.
29 Хушо ту, эй Исроил!
Кист монанди ту, эй қавме ки наҷотбахши ту Худованд аст,
ки Ӯ сипари нигаҳбони ту ва шамшери ҷалоли туст!

Ва душманонат ба ту тамаллуқ мегӯянд,
ва ту баландиҳои онҳоро поймол мекунӣ»+.

## Рӯъёи Мусо ва фавти ӯ.

**34** 1 Ва Мусо аз саҳрои Мӯоб ба кӯҳи Набӯ, бар қуллаи Фисҷа, ки
дар рӯ ба рӯи Ериҳӯ воқеъ аст, баромад, ва Худованд тамоми
заминро ба ӯ нишон дод: Ҷилъодро то Дон;
2 Ва тамоми Нафтолӣ ва замини Эфроим ва Менашше, ва тамоми
замини Яҳудоро то баҳри ғарбӣ;
3 Ва кишвари Ҷанубро, ва майдони дараи Ериҳӯро, ки шаҳри
хурмозор аст, то Сӯар+.
4 Ва Худованд ба ӯ гуфт: «Ин аст замине ки Ман дар бораи он ба
Иброҳим, Исҳоқ ва Яъқуб қасам хӯрда, гуфтаам: „Ба насли ту онро
хоҳам дод“. Ман ба ту имконият додам, ки онро бо чашмони худ
бубинӣ, валекин ба он ҷо убур нахоҳӣ кард»+.
5 Ва Мусо, бандаи Худованд, дар он ҷо, дар замини Мӯоб, бар
тибқи амри Худованд мурд.
6 Ва ӯ дар замини Мӯоб, дар рӯ ба рӯи Байт-Фаӯр, дар дара дафн
карда шуд; ва касе ҷои қабри ӯро то имрӯз намедонад+.
7 Ва Мусо дар вақти мурданаш саду бистсола буд; чашмаш хира
нашуда буд, ва қувваташ кам намонда буд+.
8 Ва банӣ-Исроил дар саҳрои Мӯоб сӣ рӯз барои Мусо мотам
гирифтанд; ва рӯзҳои навҳаи мотами Мусо ба анҷом расид+.

## Ҷонишини ӯ — Еҳушаъ ибни Нун.

9 Ва Еҳушаъ ибни Нун аз рӯҳи ҳикмат пур шуд, чунки Мусо
дастҳои худро бар ӯ гузошта буд; ва банӣ-Исроил ба ӯ итоат
намуданд, ва бар тибқи он чи Худованд ба Мусо амр фармуда буд,
амал карданд+.
10 Ва набие мисли Мусо дар Исроил дигар ба майдон наомадааст,
ки ӯро Худованд рӯ ба рӯ мешинохт, —+
11 Дар бобати тамоми аломот ва мӯъҷизоте ки Худованд ӯро ба
замини Миср фиристод, то ки онҳоро бар фиръавн ва бар ҳамаи
бандагони вай ва бар тамоми замини вай ба амал оварад;
12 Ва дар бобати тамоми дасти қавӣ, ва дар бобати тамоми
аҷоиботи бузурге ки Мусо пеши назари тамоми Исроил ба амал
овард.

[247] **муоф** — озод кардан аз андоз ё аз иҷрои коре.

* 23:18 Музде ки бутпарастон ба ливотагар (марди фоҳиша) медоданд, «қимати саг» ном дошт.

* 32:15 **Ешурун** — лақаби қавми Исроил.

---

\+ 1:2 Хур. 3:1, Хур. 17:6, Хур. 33:6, Ад. 13:25, Ад. 32:8

\+ 1:3 Ад. 14:33

\+ 1:4 Ад. 21:21-35

\+ 1:6 Хур. 19:1, Ад. 10:11-12

\+ 1:7 Ад. 13:29

\+ 1:8 Ҳас. 12:7, Ҳас. 26:3, Ҳас. 28:13

\+ 1:9 Хур. 18:18, Ад. 11:14

\+ 1:10 Ҳас. 15:5

\+ 1:11 2 Подш. 24:3

\+ 1:15 Хур. 18:25, Ад. 11:16

\+ 1:16 Иб. 19:15, Так. Шар. 16:18-19, Мас. 31:9

\+ 1:17 Хур. 23:2-3, Иб. 19:15, Хур. 18:22, Хур. 18:26

● 1:19 *Ад. 12:16-Ад. 13:33, Ад. 14*

+ 1:21 Так. Шар. 31:8, Ех. 1:9

+ 1:30 Хур. 14:14

+ 1:31 Хур. 19:4, Так. Шар. 32:11, Иш. 46:3

+ 1:33 Хур. 13:21

● 1:34 *Ад. 14:20-45*

+ 1:36 Ад. 14:6-9, Ад. 14:24

+ 1:37 Ад. 20:12, Ад. 27:14

+ 1:38 Хур. 24:13, Ад. 27:18-20

+ 1:46 Ад. 20:1, Дов. 11:17

+ 2:1 Ад. 14:25, Ад. 21:4

+ 2:5 Ҳас. 36:8

+ 2:7 Ад. 14:33

+ 2:8 3 Подш. 9:26

+ 2:9 Дов. 11:15

+ 2:10 Ад. 13:22, Так. Шар. 1:28

+ 2:11 Ҳас. 14:5, Так. Шар. 2:11, Так. Шар. 2:20, Еҳ. 12:4, Еҳ. 13:12, 2 Подш. 21:16, 1 Вақ. 20:4, Ҳас. 14:5-6

+ 2:12 Ҳас. 36:20-30

+ 2:13 Ад. 21:12

+ 2:14 Ад. 14:29-35, Ад. 26:64-65

+ 2:19 Дов. 11:15

+ 2:20 Ҳас. 14:5-6

+ 2:22 Ҳас. 36:20-30

+ 2:23 Еҳ. 13:3-4

● 2:24 *Ад. 21:21-26*

+ 2:25 Хур. 15:14-16, Хур. 23:27

+ 2:27 Ад. 20:17-19

+ 2:36 Еҳ. 13:9

● 3:1 *Ад. 21:31-35*

+ 3:2 Ад. 21:33-34

+ 3:4 3 Подш. 4:13

+ 3:6 Так. Шар. 7:2

+ 3:9 Так. Шар. 4:48, Еҳ. 11:3, Еҳ. 12:5, Заб. 28:6, 1 Вақ. 5:23, Сур. Сур. 4:8, Ҳиз. 27:5

+ 3:11 Ҳас. 14:5, Так. Шар. 2:11, Так. Шар. 2:20, 2 Подш. 11:1, 2 Подш. 12:26

+ 3:12 Ад. 32:33, Еҳ. 13:8

+ 3:14 Дов. 10:4

+ 3:15 Ад. 32:39-41, 1 Вақ. 2:22

+ 3:16 Ад. 21:24, Еҳ. 12:2

+ 3:17 Ад. 34:11, Еҳ. 3:16

+ 3:19 Ад. 32:17-26, Еҳ. 1:14

+ 3:20 Еҳ. 1:15, Еҳ. 22:4

+ 3:21 Так. Шар. 7:19, Еҳ. 10:25

+ 3:22 Хур. 14:14

+ 3:24 Хур. 15:11

+ 3:26 Ад. 20:12, Так. Шар. 1:37

+ 3:27 Ад. 20:12, Ад. 27:12-13, Так. Шар. 31:2, Так. Шар. 32:52, Так. Шар. 34:4

+ 3:28 Ад. 27:18-19, Так. Шар. 1:38

+ 3:29 Ад. 25:5

+ 4:1 Иб. 18:5

+ 4:2 Так. Шар. 12:32, Мас. 30:6, Ваҳй 22:18

+ 4:3 Ад. 25:1-9

+ 4:6 Заб. 118:98, Айюб 28:28, Заб. 110:10

+ 4:7 2 Подш. 7:23, Заб. 118:151, Заб. 144:18

+ 4:8 Рум. 3:2, Рум. 7:12

+ 4:9 Так. Шар. 6:7, Так. Шар. 11:19, Так. Шар. 32:46, Заб. 77:4, Юил 1:3

+ 4:10 Хур. 19:9, Хур. 19:16

+ 4:11 Хур. 20:21, Ибр. 12:18

+ 4:13 Хур. 20:1-17, Так. Шар. 5:6-21, Хур. 24:12, Хур. 31:18

+ 4:16 Хур. 20:4-5, Рум. 1:23

+ 4:19 Айюб 31:26-28, 4 Подш. 17:16, 4 Подш. 21:3, Ирм. 8:2

+ 4:20 3 Подш. 8:51, Ирм. 11:4

+ 4:21 Так. Шар. 1:37, Так. Шар. 3:26

+ 4:24 Хур. 20:5, Хур. 24:17, Так. Шар. 9:3, Иш. 30:27, Ом. 5:6, Ибр. 12:29

+ 4:26 Так. Шар. 32:1, Заб. 49:4

+ 4:27 Иб. 26:33, Так. Шар. 28:64

+ 4:28 Так. Шар. 28:36, Заб. 113:13-14, Ирм. 16:13

+ 4:29 Ирм. 29:13-14

+ 4:32 Айюб 20:4

+ 4:33 Хур. 19:21

+ 4:35 1 Подш. 2:2, Иш. 45:5, Марқ. 12:32, 1 Қӯр. 8:4

+ 4:36 Хур. 24:17

+ 4:39 Еҳ. 2:11, Хур. 15:11, 3 Подш. 8:23, 3 Подш. 8:60

● 4:41 *Ад. 35:9-34, Так. Шар. 19:1-13, Еҳ. 20*

+ 4:47 Ад. 21:21-35

+ 4:48 Так. Шар. 3:9

+ 4:49 Так. Шар. 3:17

● 5:1 *Хур. 20:1-17*

+ 5:4 Хур. 33:11

+ 5:5 Хур. 20:18, Хур. 20:21, Хур. 24:2

+ 5:6 Иб. 26:13

+ 5:7 4 Подш. 17:35

+ 5:8 Иб. 19:4, Иб. 26:1, Так. Шар. 27:15

+ 5:9 Хур. 34:14, Так. Шар. 4:24, Так. Шар. 6:15, Еҳ. 24:19, Наҳум 1:2, Хур. 34:7, Ад. 14:18

+ 5:10 Так. Шар. 7:9

+ 5:11 Иб. 19:12, Иб. 24:10-16

+ 5:12 Хур. 31:14-17, Иб. 19:30, Иб. 23:3, Иб. 26:2, Ад. 15:32-36, Марқ. 2:27-28, Луқ. 13:14

+ 5:16 Иб. 19:3, Так. Шар. 27:16, Мат. 15:4, Мат. 19:19, Марқ. 7:10, Марқ. 10:19, Луқ. 18:20, Эфс. 6:2

+ 5:17 Ҳас. 9:6, Иб. 24:17, Мат. 5:21, Мат. 19:18, Марқ. 10:19, Луқ. 18:20, Рум. 13:9, Яъқ. 2:11

+ 5:18 Иб. 18:20, Иб. 20:10, Так. Шар. 22:22, Мас. 6:32, Мат. 5:27, Рум. 13:9

+ 5:19 Иб. 19:11, Мат. 19:18, Рум. 13:9

+ 5:20 Хур. 23:1, Так. Шар. 19:16-20, Мас. 19:5, Мас. 19:9, Мас. 21:28, Мас. 24:28, Мас. 25:18, Мат. 19:18

+ 5:21 Ирм. 5:8, Мат. 5:28, Луқ. 12:15, Рум. 7:7, Рум. 13:9

+ 5:22 Хур. 31:18

+ 5:25 Хур. 19:21

+ 5:27 Хур. 20:18-19

+ 5:28 Так. Шар. 18:17

+ 5:32 Ех. 1:7, 4 Подш. 22:2

+ 5:33 Так. Шар. 10:13

+ 6:2 Воиз 12:13

+ 6:3 Ҳас. 15:5, Ҳас. 22:17

+ 6:4 Марқ. 12:29, Зак. 14:9

+ 6:5 Так. Шар. 11:13, Мат. 22:37, Марқ. 12:30, Луқ. 10:27

+ 6:7 Так. Шар. 4:9, Заб. 118:13

+ 6:8 Хур. 13:9, Хур. 13:16, Так. Шар. 11:18

+ 6:9 Так. Шар. 11:20

+ 6:10 Ех. 24:13

+ 6:13 4 Подш. 17:36, Мат. 4:10, Луқ. 4:8, Так. Шар. 10:20, Ех. 2:12, Ирм. 4:2

+ 6:15 Хур. 20:5

+ 6:16 Хур. 17:2, Мат. 4:7, Луқ. 4:12

+ 6:19 Хур. 23:28-30

+ 6:20 Хур. 12:26

+ 6:21 Хур. 20:2

+ 6:22 Заб. 134:8

+ 6:25 Так. Шар. 24:13

+ 7:1 Хур. 23:23

+ 7:2 Ад. 21:2, Так. Шар. 3:6, Так. Шар. 20:16-17, Ех. 6:20

+ 7:3 2 Қӯр. 6:14, Хур. 34:15-16, Ех. 23:12-13, Дов. 3:6, 3 Подш. 11:2-4

+ 7:4 Так. Шар. 6:15

+ 7:5 Хур. 23:24, Хур. 34:13

+ 7:6 1 Пет. 2:9, Хур. 19:5-6

+ 7:7 1 Вақ. 16:19

+ 7:8 Ирм. 31:3, Ҳуш. 11:1, Мал. 1:2

+ 7:9 Хур. 20:6, Так. Шар. 5:10

+ 7:10 Айюб 34:11, Иш. 59:18, Наҳум 1:2

+ 7:12 Ҳас. 17:2, Ҳас. 26:3

+ 7:14 Хур. 23:26

+ 7:15 Хур. 9:15, Хур. 15:26, Хур. 23:25

+ 7:16 Хур. 23:33

+ 7:19 Так. Шар. 3:21, Ех. 10:25

+ 7:20 Хур. 23:28, Ех. 24:12

+ 7:21 Нах. 4:14

+ 7:22 Хур. 23:29

+ 7:24 Ех. 10:24, Ех. 11:12, Ех. 1:5

+ 7:25 Ех. 7:20-21

+ 8:2 Хур. 16:35, Ом. 2:10, Хур. 15:25

+ 8:3 Хур. 16:14-15, Хур. 16:31, Мат. 4:4, Лук. 4:4

+ 8:4 Так. Шар. 29:5, Наҳ. 9:21

+ 8:5 Мас. 3:12, Ибр. 12:7

+ 8:7 Так. Шар. 11:11

+ 8:14 Мас. 30:9, Заб. 77:11, Заб. 105:21, Ҳуш. 13:6

+ 8:15 Ад. 21:6, Ҳуш. 13:5, Ҳур. 17:6, Ад. 20:11

+ 8:16 Хур. 16:5, Хур. 16:31

+ 8:17 Дов. 7:2

+ 8:20 Дон. 9:11

+ 9:2 Ад. 13:22, Так. Шар. 1:28

+ 9:3 Хур. 20:5, Хур. 24:17, Так. Шар. 4:24, Ибр. 12:29, Хур. 23:29-31

+ 9:4 Ҳас. 15:16

+ 9:5 Ҳас. 50:24

+ 9:6 4 Подш. 17:14, 2 Вак. 30:8

+ 9:8 Хур. 32:4, Хур. 32:10

+ 9:9 Хур. 24:18, Мат. 4:2

+ 9:10 Хур. 31:18

+ 9:12 Хур. 32:7-10

+ 9:14 Заб. 9:6, Ад. 14:12

+ 9:18 Хур. 34:28, Хур. 32:11-14

+ 9:21 Хур. 32:20

+ 9:22 Хур. 17:7, Ад. 11:3, Ад. 11:34

+ 9:23 Ад. 13:2, Ад. 14:1

+ 9:26 Хур. 32:11-13

+ 9:28 Ад. 14:16

+ 9:29 Нах. 1:10

● 10:1 *Хур. 34:1-4*

+ 10:1 Хур. 25:10

+ 10:2 Хур. 25:16, Хур. 25:21

+ 10:3 Хур. 37:1-9

+ 10:4 Хур. 20:1-17, Так. Шар. 5:6-21, Хур. 34:28-29

+ 10:5 Хур. 40:20, 3 Подш. 8:9

+ 10:6 Ад. 33:30-31, Ад. 20:28, Ад. 33:38

+ 10:7 Ад. 33:33

+ 10:8 Ад. 8:14

+ 10:9 Ад. 18:20

+ 10:10 Хур. 34:28

+ 10:11 Хур. 33:1

+ 10:12 Мик. 6:8, Еҳ. 24:14, 1 Подш. 12:24

+ 10:13 Так. Шар. 5:33

+ 10:14 Хур. 9:29, Наҳ. 9:6

+ 10:15 Рум. 11:28

+ 10:16 Так. Шар. 30:6, Ирм. 4:4, Рум. 2:29, Хур. 32:9

+ 10:17 Еҳ. 22:22, Заб. 49:1, Заб. 135:2, Дон. 2:47, Дон. 11:36, 1 Тим. 6:15, Ваҳй 17:14, Ваҳй 19:16, Аъм. 10:34, Рум. 2:11, Ғал. 2:6, Эфс. 6:9, Қӯл. 3:25, 1 Пет. 1:17, 2 Вак. 19:7

+ 10:18 Заб. 67:5, Заб. 145:9

+ 10:19 Хур. 22:21, Иб. 19:34

+ 10:20 Так. Шар. 6:13, Так. Шар. 30:20

+ 10:22 Ҳас. 46:27, Хур. 1:5, Ҳас. 15:5, Ҳас. 22:17

+ 11:4 Хур. 14:27-28

+ 11:5 Заб. 77:14-40

+ 11:6 Ад. 16:31-33

+ 11:9 Ҳас. 50:24, Хур. 3:8

+ 11:11 Так. Шар. 8:7

+ 11:12 3 Подш. 9:3

+ 11:13 Так. Шар. 6:5, Еҳ. 22:5

+ 11:14 Иб. 26:4, Ирм. 5:24, Юил 2:23

+ 11:15 Заб. 103:14

+ 11:17 3 Подш. 8:35, 3 Подш. 17:1, 2 Вак. 6:26

+ 11:18 Хур. 13:9, Хур. 13:16, Так. Шар. 6:8

+ 11:19 Так. Шар. 4:9

+ 11:20 Так. Шар. 6:9

+ 11:24 Еҳ. 1:3, Ҳас. 15:18, Хур. 23:31, Ад. 34:1-12, Еҳ. 1:4

+ 11:25 Так. Шар. 7:24

+ 11:26 Так. Шар. 30:1, Так. Шар. 30:15

+ 11:27 Иб. 26:1-13, Так. Шар. 28:2-14

+ 11:28 Иб. 26:14-45, Так. Шар. 28:15-45

+ 11:29 Так. Шар. 27:12-13, Еҳ. 8:33

+ 11:30 Ҳас. 12:6

+ 12:2 4 Подш. 16:4

+ 12:3 Хур. 23:24, Хур. 34:13, Так. Шар. 7:5, Дов. 2:2, 3 Подш. 14:23

+ 12:5 3 Подш. 18:29

+ 12:7 Так. Шар. 27:7

+ 12:8 Дов. 17:6, Дов. 21:25

+ 12:9 Заб. 94:11

+ 12:10 Еҳ. 23:1

+ 12:11 3 Подш. 8:29

+ 12:12 Ад. 18:20, Так. Шар. 10:9

+ 12:16 Иб. 3:17, Иб. 7:26, Иб. 17:13

+ 12:19 Так. Шар. 14:27, Наҳ. 13:10

+ 12:23 Ҳас. 9:4, Иб. 3:17, Иб. 7:26, Иб. 17:13

+ 12:30 4 Подш. 17:15

+ 12:31 4 Подш. 17:31, Ирм. 7:31, Ирм. 19:5

+ 12:32 Так. Шар. 4:2, Ваҳй 22:18

+ 13:1 Ирм. 23:25, Ирм. 23:32, Зак. 10:2

+ 13:2 Марк. 13:22, 2 Тас. 2:9, Ваҳй 13:13, Ваҳй 16:14

+ 13:5 Так. Шар. 18:20

+ 13:8 Мас. 1:10

+ 13:9 Хур. 32:27-28, Так. Шар. 17:7

+ 13:10 Так. Шар. 17:5

+ 13:13 Дов. 19:22, Дов. 20:13, 1 Подш. 2:12, 1 Подш. 10:27, 1 Подш. 25:17, 2 Подш. 16:7, 2 Подш. 20:1, 3 Подш. 21:10, 3 Подш. 21:13

+ 13:16 Еҳ. 8:28

+ 13:17 Еҳ. 7:20-21

+ 14:1 Мат. 5:9, Юҳ. 1:12, 1 Юҳ. 3:1, 1 Юҳ. 5:1, Рум. 8:14, Иб. 19:27-28, Иб. 21:5

+ 14:2 Хур. 19:5

● 14:3 *Иб. 11*

+ 14:21 Иб. 7:24, Иб. 11:39-40, Хур. 19:6, Хур. 23:19, Хур. 34:26

+ 14:22 Иб. 27:30, Ад. 18:21

+ 14:27 Так. Шар. 12:19, Ад. 18:20, Так. Шар. 10:9

+ 14:28 Так. Шар. 26:12

+ 15:1 Так. Шар. 31:10, Нах. 10:31

+ 15:3 Так. Шар. 23:20

+ 15:6 Так. Шар. 28:12, 3 Подш. 4:21, Эзр. 4:20

+ 15:8 Иб. 25:35-36, Заб. 36:26, Мат. 5:42, Яък. 2:15, 1 Юх. 3:17

+ 15:11 Мат. 26:11

+ 15:12 Хур. 21:2

+ 15:17 Хур. 21:5-6

+ 15:19 Хур. 13:2, Хур. 13:11-16

+ 15:21 Иб. 22:20

+ 15:23 Иб. 17:13, Так. Шар. 12:23-24

● 16:1 *Хур. 12:1-39, Хур. 13:3-10, Хур. 23:14-17, Иб. 23:4-22, Иб. 23:33-43, Ад. 28:16-31, Ад. 29:12-39*

+ 16:3 Хур. 12:11

+ 16:4 Хур. 34:25

+ 16:9 Хур. 34:22

+ 16:12 Так. Шар. 5:15

+ 16:13 Хур. 23:16

+ 16:18 Хур. 18:21, Эзр. 7:25, Ад. 11:16, Так. Шар. 1:16-17

+ 16:19 Хур. 23:2-3, Иб. 19:15, Хур. 23:8, 1 Подш. 8:3, Мас. 17:8, Воиз 7:7

+ 16:21 Хур. 34:13, Так. Шар. 7:5

+ 17:1 Иб. 22:20

+ 17:5 Так. Шар. 13:10

+ 17:6 Ад. 35:30, Так. Шар. 19:15

+ 17:7 Так. Шар. 13:9

+ 17:9 Так. Шар. 19:17

+ 17:14 1 Подш. 8:5

+ 17:15 1 Подш. 9:16

+ 17:16 Еҳ. 11:6, 2 Подш. 8:4, 1 Вақ. 18:4, 3 Подш. 10:28, 2 Вақ. 1:16, 2 Вақ. 9:28

+ 17:17 3 Подш. 11:1-4, Наҳ. 13:26, Мас. 31:3, 3 Подш. 10:14, 3 Подш. 10:27, 2 Вақ. 1:15, 2 Вақ. 9:27

+ 17:19 Еҳ. 1:8

+ 18:2 Ад. 18:20, Так. Шар. 10:9, Еҳ. 13:14

+ 18:3 Иб. 7:30-34

+ 18:4 Ад. 18:12

+ 18:6 Ад. 35:2, Дов. 17:7

+ 18:9 Иб. 18:26-30, Так. Шар. 12:29-31

+ 18:10 Иб. 18:21, 4 Подш. 16:3, 4 Подш. 17:17, 4 Подш. 23:10, 2 Вақ. 33:6, Ирм. 32:35

+ 18:11 Хур. 22:18, Иб. 19:26, Иб. 19:31

+ 18:15 Марқ. 9:8, Юҳ. 1:21, Аъм. 3:22, Аъм. 7:37

+ 18:16 Хур. 20:19, Так. Шар. 5:27

+ 18:17 Так. Шар. 5:28

+ 18:18 Юҳ. 4:25

+ 18:20 Так. Шар. 13:5, Ирм. 14:15, Ирм. 23:30, Ҳиз. 13:8

● 19:1 *Ад. 35:9-34, Так. Шар. 4:41-43, Еҳ. 20*

+ 19:5 Хур. 21:13

+ 19:10 Мас. 6:17

+ 19:11 Так. Шар. 27:24

+ 19:13 Так. Шар. 21:9

+ 19:14 Так. Шар. 27:17, Айюб 24:2, Мас. 22:28, Мас. 23:10, Ҳуш. 5:10

+ 19:15 Ад. 35:30, Так. Шар. 17:6, Мат. 18:16, 2 Қӯр. 13:1, 1 Тим. 5:19, Ибр. 10:28

+ 19:16 Хур. 20:16

+ 19:17 Так. Шар. 17:9, Так. Шар. 25:1

+ 19:19 Мас. 19:5

+ 19:21 Хур. 21:23-25, Иб. 24:19-20, Мат. 5:38

+ 20:1 2 Вак. 13:12, 2 Вак. 20:15-17

+ 20:7 Так. Шар. 24:5

+ 20:8 Дов. 7:3

+ 20:14 Ад. 31:7, Ад. 31:9, Еҳ. 8:2

+ 20:17 Так. Шар. 7:2, Еҳ. 10:40-41

+ 20:19 4 Подш. 3:19

+ 21:3 Ад. 19:2, 1 Подш. 6:7

+ 21:5 Ад. 6:22-27

+ 21:8 Юн. 1:14

+ 21:9 Так. Шар. 19:13

+ 21:12 1 Қӯр. 11:6

+ 21:15 Ҳас. 29:30, Ҳас. 29:33

+ 21:17 4 Подш. 2:9

+ 21:18 Хур. 20:12, Так. Шар. 5:16

+ 21:20 Мас. 23:20-21

+ 21:22 Ад. 25:4

+ 21:23 Еҳ. 8:29, Еҳ. 10:26-27, Юҳ. 19:31, Ғал. 3:13

+ 22:1 Хур. 23:4

+ 22:6 Хур. 23:19, Иб. 22:28

+ 22:9 Иб. 19:19

+ 22:12 Ад. 15:38

+ 22:22 Хур. 20:14, Иб. 20:10, Юҳ. 8:5

+ 22:29 Ҳас. 34:8, Хур. 22:16-17, 2 Подш. 13:1-22

+ 22:30 Иб. 18:8, Так. Шар. 27:20

+ 23:1 Иб. 21:18-20, Иш. 56:4-5

+ 23:3 Наҳ. 13:1-2, Нав. 1:10

+ 23:4 Ад. 22:5-6

+ 23:5 Ад. 24:10, Мас. 26:2

+ 23:7 Ҳас. 25:24-26, Ҳас. 36:8, Ад. 20:14, Хур. 22:21, Хур. 23:9

+ 23:10 Иб. 15:1-5

+ 23:14 Иб. 26:12

+ 23:17 Иб. 19:29, 3 Подш. 14:24, 3 Подш. 15:12, 3 Подш. 22:46, 4 Подш. 23:7, Ҳуш. 4:14

+ 23:20 Хур. 22:25, Так. Шар. 15:3

+ 23:21 Ад. 30:3, Воиз 5:3

+ 23:25 Марқ. 2:23, Рут 2:2

+ 24:1 Мал. 2:16, Мат. 5:31, Мат. 19:7, Марқ. 10:4

+ 24:4 Ирм. 3:1

+ 24:5 Так. Шар. 20:7, Мас. 5:18

+ 24:7 Хур. 21:16

+ 24:8 Иб. 13:2

+ 24:9 Ад. 12:10-15

+ 24:13 Хур. 22:26-27, Так. Шар. 6:25, Заб. 111:9

+ 24:14 Иб. 25:39

+ 24:15 Иб. 19:13, Яъқ. 5:4

+ 24:16 4 Подш. 14:6, 2 Вак. 25:4, Ирм. 31:29-30, Ҳиз. 18:20

+ 24:17 Хур. 22:21

+ 24:19 Иб. 19:9, Иб. 23:22, Рут 2:1-2

+ 25:1 Так. Шар. 19:17

+ 25:3 2 Қӯр. 11:24

+ 25:4 1 Қӯр. 9:9, 1 Тим. 5:18

+ 25:5 Мат. 22:24, Марқ. 12:19, Луқ. 20:28

+ 25:6 Ҳас. 38:8, Рут 4:10

+ 25:9 Рут 4:7

+ 25:14 Иб. 19:36

+ 25:17 Хур. 17:8

+ 25:19 1 Подш. 15:2-8

+ 26:2 Хур. 23:19, Хур. 34:26, Иб. 23:10

+ 26:5 Ҳас. 46:27, Хур. 1:7

+ 26:6 Хур. 1:11, Хур. 1:14

+ 26:7 Хур. 2:23-25, Хур. 3:9

+ 26:8 Хур. 12:51

+ 26:9 Хур. 3:8

+ 26:12 Иб. 27:30, Так. Шар. 14:28-29

+ 26:14 Иб. 7:20, Иб. 21:1, Иб. 21:11, Ҳуш. 9:4

+ 26:15 2 Вак. 30:27, Заб. 32:14, Иш. 63:15, Хур. 3:8

+ 26:18 Хур. 19:5

+ 26:19 Так. Шар. 28:1, Хур. 19:6

+ 27:2 Ех. 4:1-3

+ 27:5 Хур. 20:25, Ех. 8:30, 3 Подш. 6:7

+ 27:7 Так. Шар. 12:7

+ 27:8 Иш. 8:1, Иш. 30:8, Ҳаб. 2:2

+ 27:9 Так. Шар. 26:18

+ 27:12 Так. Шар. 11:29, Ех. 8:33

+ 27:15 Хур. 20:4-5, Хур. 34:17, Так. Шар. 5:8

+ 27:16 Хур. 20:12, Хур. 21:17, Иб. 19:3

+ 27:17 Так. Шар. 19:14

+ 27:18 Иб. 19:14

+ 27:19 Хур. 22:21-22

+ 27:20 Иб. 18:8, Так. Шар. 22:30

+ 27:21 Хур. 22:19, Иб. 18:23

+ 27:22 Иб. 18:9, 2 Подш. 13:12

+ 27:23 Иб. 18:17, Иб. 20:14

+ 27:24 Так. Шар. 19:11

+ 27:25 Хур. 23:7, Так. Шар. 16:19

+ 27:26 Заб. 118:21, Ирм. 11:3, Ғал. 3:10

● 28:1 *Иб. 26:1-13, Так. Шар. 11:13-15*

+ 28:1 Так. Шар. 26:19

+ 28:6 Заб. 120:7

+ 28:7 Хур. 23:27

+ 28:8 Иб. 25:20-21

+ 28:9 Хур. 19:6

+ 28:12 Так. Шар. 11:14, Так. Шар. 15:6

● 28:15 *Иб. 26:14-45*

+ 28:15 Дон. 9:11, Зак. 1:6, Мал. 2:2

+ 28:22 Иб. 26:16, 3 Подш. 8:37, 2 Вак. 6:28, Ом. 4:9, Ҳаҷ. 2:17

+ 28:24 Ирм. 3:3, Ом. 4:7

+ 28:25 Еҳ. 7:4

+ 28:26 1 Подш. 17:44, 1 Подш. 17:46, Заб. 78:2, Ирм. 16:4, Ирм. 19:7, Ирм. 34:20, Иш. 17:2, Ирм. 7:33

+ 28:27 Хур. 9:10

+ 28:29 Айюб 5:14, Айюб 12:25, Иш. 59:10, Саф. 1:17

+ 28:30 Так. Шар. 20:5-7, Ирм. 8:10, Ом. 5:11, Саф. 1:13

+ 28:32 2 Вак. 29:9

+ 28:33 Дов. 6:4

+ 28:35 Айюб 2:7

+ 28:36 4 Подш. 17:3-4, 4 Подш. 24:15, 4 Подш. 25:7, 2 Вак. 33:11, Так. Шар. 4:28

+ 28:37 3 Подш. 9:7, 2 Вак. 7:20, Ирм. 24:9, Ҳиз. 5:15

+ 28:38 Мик. 6:15, Ҳаҷ. 1:6, Юил 1:4

+ 28:39 Саф. 1:13

+ 28:41 Нав. 1:5

+ 28:47 Наҳ. 9:35

+ 28:48 Ирм. 27:2

+ 28:49 Иш. 5:26, Ирм. 5:15, Ирм. 48:40, Ирм. 49:22, Ҳиз. 17:3, Ҳуш. 8:1, Ҳаб. 1:8

+ 28:51 Наҳ. 9:37, Ирм. 5:17

+ 28:52 4 Подш. 17:5, 4 Подш. 25:1

+ 28:53 Иб. 26:29, 4 Подш. 6:29, Нав. 4:10, Ирм. 19:9, Ҳиз. 5:10

+ 28:57 4 Подш. 6:29, Нав. 4:10, Ҳиз. 5:10

+ 28:60 Хур. 9:1-12

+ 28:62 Ҳас. 15:5, Так. Шар. 10:22

+ 28:63 Ирм. 32:41

+ 28:64 Иб. 26:33, Так. Шар. 4:27, Наҳ. 1:8, Ирм. 9:16, Ҳиз. 12:15, Зак. 7:14

+ 28:67 Айюб 7:4

+ 28:68 Так. Шар. 17:16, Ҳуш. 8:13, Ҳуш. 9:3

+ 29:1 Хур. 19:1-6

+ 29:4 Иш. 6:9-10, Ирм. 5:21, Рум. 11:8

+ 29:5 Так. Шар. 8:4, Наҳ. 9:21

+ 29:6 Хур. 15:25, Хур. 16:4, Хур. 17:6

+ 29:7 Ад. 21:21-35

+ 29:8 Ад. 32:33

+ 29:9 3 Подш. 2:3

+ 29:11 Ех. 9:21

+ 29:13 Хур. 6:7

+ 29:18 Ибр. 12:15

+ 29:20 Так. Шар. 9:14, Заб. 9:6

+ 29:23 Дов. 9:45, Ҳас. 14:2, Ҳас. 19:24, Иш. 13:19, Ҳуш. 11:8, Саф. 2:9

+ 29:24 Иб. 26:32, 3 Подш. 9:8, 2 Вак. 7:21, Ирм. 22:8-9

+ 29:25 4 Подш. 17:15

+ 29:27 Иб. 26:14-39, Так. Шар. 28:15-68, Зак. 5:3

+ 29:28 3 Подш. 14:14

+ 29:29 Мас. 25:2

+ 30:1 Так. Шар. 11:26, Иб. 26:40

+ 30:2 1 Подш. 7:3, 3 Подш. 8:48, Иш. 55:7, Ҳуш. 6:1

+ 30:3 Ирм. 32:37, Ҳиз. 34:13, Ҳиз. 36:24

+ 30:4 Нах. 1:9

+ 30:6 Так. Шар. 10:16, Ирм. 4:4, Ирм. 31:33

+ 30:7 Ҳас. 12:3, Хур. 23:22

+ 30:12 Рум. 10:6

+ 30:15 Так. Шар. 11:26, Ирм. 21:8

+ 30:20 Так. Шар. 10:20

+ 31:2 Так. Шар. 34:7, Ад. 20:12, Ад. 27:12-13, Так. Шар. 3:27

+ 31:3 Так. Шар. 1:38

+ 31:4 Ад. 21:21-35

+ 31:5 Так. Шар. 7:2

+ 31:6 Еҳ. 1:5, 3 Подш. 6:13

+ 31:7 Еҳ. 1:6

+ 31:10 Так. Шар. 15:1, Хур. 23:16

+ 31:11 4 Подш. 23:2, Наҳ. 8:3

+ 31:12 Еҳ. 8:33, Еҳ. 8:35

+ 31:14 Так. Шар. 34:5, Ад. 27:19

+ 31:15 Хур. 33:9, Ад. 12:5

+ 31:16 Хур. 34:15, Дов. 2:12-13, Дов. 2:20, Ирм. 11:10

+ 31:17 Ад. 14:42, Дов. 6:13

+ 31:19 Так. Шар. 32:1-43

+ 31:20 Хур. 3:8

+ 31:23 Еҳ. 1:6

+ 31:24 Еҳ. 24:25-26

+ 31:26 4 Подш. 22:8, 2 Вак. 34:14

+ 31:29 Дов. 2:12-13, Дов. 2:19, 4 Подш. 22:17, 2 Вак. 34:22

+ 32:1 Иш. 1:2, Мик. 1:2

+ 32:2 Иш. 55:10-11, Заб. 71:6

+ 32:4 Мат. 5:48, 2 Подш. 22:31, Заб. 17:31, Айюб 34:10, Рум. 9:14

+ 32:6 Ирм. 5:21, Иш. 63:16, Иш. 64:8, Юҳ. 8:41, Иш. 44:2, Иш. 51:13

+ 32:7 Заб. 76:6, Айюб 8:8

+ 32:8 Ҳас. 11:8, Аъм. 17:26

+ 32:9 Хур. 19:5, Зак. 2:12

+ 32:10 Заб. 16:8, Ҳиз. 16:5-6, Ҳуш. 13:5, Зак. 2:8

+ 32:11 Хур. 19:4, Иш. 31:5

+ 32:13 Иш. 58:14, Айюб 29:6

+ 32:15 Наҳ. 9:25, Заб. 88:27, Заб. 94:1

+ 32:16 Дов. 5:8, Заб. 77:58

+ 32:17 Заб. 105:37, 1 Қӯр. 10:20

+ 32:18 Иш. 17:10, Ирм. 2:32

+ 32:21 2 Вак. 13:9, Ирм. 5:7, Рум. 10:19

+ 32:22 Ирм. 15:14, Ирм. 17:4

+ 32:23 Айюб 6:4, Заб. 7:13, Заб. 37:3, Нав. 3:12, Ҳиз. 5:16

+ 32:24 Иб. 26:22, Ирм. 8:17, Ҳиз. 5:17

+ 32:25 Нав. 1:20, Ҳиз. 7:15

+ 32:27 Заб. 12:5, Иш. 10:13

+ 32:28 Иш. 27:11, Ирм. 4:22

+ 32:30 Иб. 26:8, Еҳ. 23:10, Дов. 15:15

+ 32:31 1 Подш. 2:2

+ 32:32 Ҳас. 18:20

+ 32:33 Заб. 57:5-6

+ 32:35 Рум. 12:19, Ибр. 10:30

+ 32:36 Заб. 134:14, Ибр. 10:30, 3 Подш. 14:10, 3 Подш. 21:21, 4 Подш. 9:8, 4 Подш. 14:26

+ 32:37 Дов. 10:14, Ирм. 2:28

+ 32:39 Хур. 20:3, 1 Подш. 2:6, 4 Подш. 5:7, Айюб 5:18, Заб. 102:3, Заб. 146:3, Ҳуш. 6:1, Айюб 10:7, Иш. 43:13

+ 32:41 Заб. 7:13, Иш. 27:1, Иш. 34:5, Иш. 66:16, Ҳиз. 21:3, Ҳиз. 21:9-10, Так. Шар. 32:41, Иш. 1:24

+ 32:42 Ирм. 46:10

+ 32:43 Рум. 15:10, Ҳас. 4:10-12, Заб. 78:10, Ваҳй 6:10, Ваҳй 19:2

+ 32:46 Так. Шар. 4:9

+ 32:47 Иб. 18:5

+ 32:49 Ад. 27:12

+ 32:50 Ад. 33:38

+ 32:51 Ад. 20:12, Ад. 27:14

+ 32:52 Так. Шар. 3:27

● 33:1 *Ҳас. 49:1-28*

+ 33:1 Эзр. 3:2, Заб. 89:1

+ 33:2 Заб. 49:2, Заб. 79:2, Заб. 93:1, Ҳаб. 3:3, Дон. 7:10, Зак. 14:5, Аъм. 7:53, Ғал. 3:19, Хур. 19:18

+ 33:4 Юҳ. 1:17, Юҳ. 7:19

+ 33:5 Так. Шар. 32:15, Иш. 44:2

+ 33:8 Хур. 17:7, Ад. 20:13

+ 33:9 Хур. 32:26-29, Так. Шар. 17:9-11, 2 Вак. 17:9, Эзр. 7:10, Хур. 30:7-8

+ 33:13 Ҳас. 27:28

+ 33:15 Ҳас. 49:26, Ҳаб. 3:6

+ 33:16 Хур. 3:2-4

+ 33:17 3 Подш. 22:11, Ҳас. 48:19

+ 33:19 Заб. 4:6

+ 33:20 1 Вақ. 12:8

+ 33:21 Ад. 32:1-5, Ад. 32:16-19

+ 33:22 Еҳ. 19:47, Дов. 18:27

+ 33:23 Еҳ. 19:32-39

+ 33:26 Так. Шар. 32:15, Так. Шар. 33:5, Иш. 44:2, Хур. 15:11

+ 33:27 Заб. 54:20, Заб. 89:3, Заб. 92:2, Ҳаб. 1:12, Заб. 89:1, Заб. 90:9

+ 33:28 Ад. 23:9

+ 33:29 2 Подш. 7:23, Ҳас. 15:1, Заб. 32:20, 2 Подш. 22:45

+ 34:3 Дов. 1:16, Дов. 3:13, Ҳас. 14:2, Ҳас. 19:22, Ҳас. 13:12

+ 34:4 Ҳас. 12:7, Ҳас. 50:24, Так. Шар. 3:27

+ 34:6 Яҳ. 1:9

+ 34:7 Так. Шар. 31:2

+ 34:8 Ад. 20:29

+ 34:9 Ад. 27:18, Ад. 27:23, Иш. 11:2

+ 34:10 Хур. 33:11

*КИТОБИ*

# ЕҲУШАЪ ИБНИ НУН


1 2 3 4 5 6 7 8 9 10
11 12 13 14 15 16 17 18 19 20
21 22 23 24

## Худованд Еҳушаъ ибни Нунро дар унвони пешвои қавм тасдиқ мекунад.

# 1

1 Ва баъд аз вафоти Мусо, бандаи Худованд, чунин воқеъ шуд,
ки Худованд ба Еҳушаъ ибни Нун, хизматгузори Мусо, сухан
ронда, гуфт:+
2 «Мусо, бандаи Ман, вафот ёфт; ва алҳол бархоста, аз ин рӯди
Урдун убур намо, ту ва тамоми ин қавм, ба замине ки Ман ба онҳо, ба
банӣ-Исроил, медиҳам+.
3 Ҳар ҷоеро, ки кафи пои шумо бар он гузошта шавад, ба шумо
медиҳам, чунон ки ба Мусо гуфтаам+.
4 Аз биёбон ва ин Лубнон то наҳри бузург, ки наҳри Фурот бошад,
тамоми замини ҳиттиён то баҳри Бузург, ки ғурубгоҳи офтоб аст,
ҳудуди шумо хоҳад буд+.
5 Ҳеҷ кас дар тамоми айёми умрат қодир нахоҳад буд, ки пеши ту
истодагӣ намояд; чунон ки бо Мусо будам, бо ту низ хоҳам буд; туро
бемаҷол нахоҳам гардонид ва тарк нахоҳам кард+.
6 Кавӣ ва далер бош, зеро ки ту ба тасарруфи ин қавм заминеро
хоҳӣ даровард, ки дар бораи он ба падаронашон қасам хӯрдаам, ки ба
онҳо бидиҳам+.
7 Фақат қавӣ ва далер бош, то ки бо риояти дурусти тамоми
шариате ки Мусо, бандаи Ман, ба ту амр фармудааст, амал намоӣ; аз
он ба тарафи рост ё чап дур нашав, то ба ҳар ҷое ки меравӣ,
муваффақият ба даст оварӣ+.
8 Бигзор ин китоби шариат аз даҳони ту дур нашавад, ва онро ту
рӯзу шаб биомӯз, то бо риояти ҳар он чи дар он навишта шудааст,
амал намоӣ, зеро ки он гоҳ дар роҳҳои худ комьёб гардида,
муваффақият ба даст хоҳӣ овард+.
9 Ман, охир, ба ту чунин амр фармудаам: қавӣ ва далер бош,
натарс ва ҳаросон нашав, зеро ба ҳар ҷое ки биравӣ, Худованд Худои
ту бо туст»+.

## Амр ба нозирон.

10 Ва Еҳушаъ ба нозирони қавм амр фармуда, гуфт:+
11 «Андаруни ӯрдугоҳ давр занед, ва ба қавм амр фармуда, бигӯед:
„Барои худ тӯша муҳайё кунед, зеро ки баъд аз се рӯз шумо аз ин

Урдун хоҳед гузашт, то ки рафта, заминеро ба тасарруфи худ
дароваред, ки Худованд Худои шумо ба шумо барои тасарруф
намудан медиҳад“».
12 Ва Еҳушаъ ба реубениён ва ҷодиён ва нисфи сибти Менашше
сухан ронда, гуфт:
13 «Ба ёд оваред он каломро, ки Мусо, бандаи Худованд, ба шумо
амр фармуда, гуфтааст: „Худованд Худои шумо ба шумо оромӣ
бахшид, ва ин заминро ба шумо дод“.
14 Занони шумо, кӯдакони шумо ва чорвои шумо бигзор дар
замине ки Мусо ба шумо дар ин тарафи Урдун додааст, бимонанд,
валекин шумо, ҳамаи мардони ҷангӣ, мусаллаҳ гардида, пешопеши
бародарони худ убур намоед ва ба онҳо кӯмак расонед,+
15 То даме ки Худованд ба бародарони шумо низ, мисли шумо,
оромӣ бахшад, ва онҳо низ заминеро, ки Худованд Худои шумо ба
онҳо медиҳад, тасарруф намоянд; ва он гоҳ шумо ба мулки худ, ба
замине ки Мусо, бандаи Худованд, дар ин тарафи Урдун аз тулӯъгоҳи
офтоб ба шумо додааст, баргашта, онро тасарруф хоҳед кард»+.
16 Ва онҳо ба Еҳушаъ ҷавоб дода, гуфтанд: «Ҳар амре ки ба мо
бифармоӣ, ба ҷо хоҳем овард, ва ба ҳар куҷо, ки моро бифиристӣ,
равона хоҳем шуд;
17 Чунон ки дар ҳар бобат ба Мусо гӯш додаем,ончунон ба ту гӯш
хоҳем дод, фақат Худованд Худои ту бигзор бо ту бошад, чунон ки бо
Мусо буд;
18 Ҳар касе ки ба фармони ту муқобилият намояд ва ба суханони
ту дар ҳар чизе ки амр фармоӣ, гӯш надиҳад, кушта хоҳад шуд; фақат
қавӣ ва далер бош».

## Роҳоб ва ҷосусон.

**2** [1] Ва Еҳушаъ ибни Нун аз Шиттим ду марди ҷосусро пинҳонӣ фиристода, гуфт: «Рафта, он замин ва Ериҳӯро бубинед». Онҳо рафта, ба хонаи фоҳишае ки Роҳоб ном дошт, даромаданд ва дар он ҷо хоб карданд+.

[2] Ва ба подшоҳи Ериҳӯ чунин хабар расид: «Инак, имшаб ба ин ҷо мардон аз банӣ — Исроил омадаанд, то ки заминро ҷосусӣ кунанд».

[3] Ва подшоҳи Ериҳӯ назди Роҳоб фиристода, гуфт: «Мардонеро, ки назди ту омада, ба хонаи ту даромадаанд, берун овар, зеро онҳо омадаанд, то ки тамоми ин заминро ҷосусӣ кунанд».

[4] Валекин зан он ду мардро гирифта, пинҳон кард, ва гуфт: «Оре, он мардон назди ман омада буданд, вале ман надонистам, ки онҳо аз куҷоянд;

[5] Ва чун ҳаво торик шуда, вақти бастани дарвоза расид, он мардон берун рафтанд; намедонам, ки онҳо куҷо рафтанд; зуд онҳоро таъқиб намоед, ки ба онҳо хоҳед расид»+.

[6] Ва ҳол он ки ӯ онҳоро болои бом бароварда, дар миёни зағирпояҳо, ки болои бом чида буд, пинҳон кард.

[7] Пас он касон онҳоро дар роҳе ки сӯи Урдун мебурд, то худи маъбарҳо таъқиб карданд; ва баъд аз он ки таъқибкунандагони онҳо берун рафтанд, дарвозаро бастанд+.

[8] Ва пеш аз он ки онҳо хоб раванд, ӯ назди онҳо болои бом баромад,

[9] Ва ба он мардон гуфт: «Ман медонам, ки Худованд ин заминро ба шумо додааст, ва тарси шумо моро фаро гирифтааст, ва ҳамаи сокинони ин замин пеши шумо беҷуръат шудаанд;+

[10] Зеро шунидаем, ки чӣ гуна Худованд обҳои баҳри Кулзумро пеши шумо хушк кардааст, вақте ки аз Миср берун омадед, ва чӣ гуна шумо бо ду подшоҳи амӯрӣ, ки дар он тарафи Урдун буданд, яъне бо Сихӯн ва Ӯҷ амал намуда, онҳоро маҳв кардаед;+

[11] Ва ҳангоме ки инро шунидем, дилҳои мо бемаҷол гардид, ва дар ҳеҷ кас дигар рӯҳи муқовимат пеши шумо боқӣ намонд, зеро ки Худованд Худои шумо ҳам дар осмон ва ҳам бар замин Худо мебошад+.

[12] Ва алҳол барои ман ба Худованд қасам ёд кунед, ки ба хотири
эҳсоне ки ман ба шумо кардам, шумо низ ба хонадони падари ман
эҳсон хоҳед кард; ва нишони мӯътабаре ба ман бидиҳед,+
[13] Ки шумо падарам ва модарам ва бародаронам ва хоҳаронам ва
ҳар киро, ки онҳо доранд, зинда хоҳед гузошт, ва ҷонҳои моро аз
марг раҳо хоҳед кард».
[14] Ва он мардон ба ӯ гуфтанд: «Бигзор ҷонҳои мо ба ҷои шумо
бимирад, агар шумо ин кори моро ошкор накунед; ва ҳангоме ки
Худованд ин заминро ба мо бидиҳад, мо ба ту ба ростӣ эҳсон хоҳем
кард»+.
[15] Ва ӯ онҳоро бо танобе аз тиреза фуровард, зеро ки хонаи ӯ дар
мобайни деворҳои ҳисор буд, ва ӯ дар мобайни ҳисор сукунат дошт+.
[16] Ва ба онҳо гуфт: «Ҷониби кӯҳ биравед, мабодо
таъқибкунандагон ба шумо осебе расонанд; ва дар он ҷо се рӯз
пинҳон шавед, то даме ки таъқибкунандагон баргарданд; ва баъд ба
роҳи худ хоҳед рафт».
[17] Ва он мардон ба ӯ гуфтанд: «Мо аз ин қасами ту, ки моро қасам
додӣ, дар чунин сурат фориғ хоҳем буд:
[18] Инак, мо ба ин замин меоем; ту ин арғамчини дорои риштаи
қирмизиро ба тирезае ки моро аз он фуровардӣ, бибанд; ва падарат
ва модарат ва бародаронат ва тамоми аҳли байти падаратро назди
худ ба хонаат ҷамъ кун;
[19] Ва ҳар касе ки аз дари хонаи ту берун равад, хунаш ба гарданаш
хоҳад буд, ва мо фориғ хоҳем буд; ва ҳар касе ки бо ту дар хона
бошад, агар дасти тааддӣ ба вай бирасад, хуни вай ба гардани мо
хоҳад буд;
[20] Вале агар ту ин кори моро ошкор кунӣ, мо аз қасами ту, ки моро
қасам додӣ, фориғ хоҳем буд».
[21] Ва ӯ гуфт: «Бигзор аз рӯи гуфтаи шумо бишавад!» Ва онҳоро
фиристод, ва онҳо рафтанд; ва арғамчини қирмизиро ба тиреза баст.
[22] Ва онҳо рафта, ба кӯҳ расиданд, ва дар он ҷо се рӯз монданд, то
даме ки таъқибкунандагон баргаштанд; ва таъқибкунандагон
тамоми роҳро ҷустуҷӯ карданд, вале наёфтанд.
[23] Ва он ду мард гашта аз кӯҳ фуромаданд, ва аз наҳр убур намуда,
назди Еҳушаъ ибни Нун омаданд, ва ҳар чиро, ки ба онҳо рӯй дода
буд, ба ӯ ҳикоят карданд.

[24] Ва ба Еҳушаъ гуфтанд: «Ба ростӣ, Худованд тамоми он заминро ба дасти мо супурдааст, ва ҳамаи сокинони он замин пеши мо беҷуръат шудаанд».

## Аз Урдун убур карданд.

3 1 Ва Еҳушаъ бомдодон бармаҳал бархост, ва ӯ ва тамоми банӣ-
Исроил аз Шиттим равона шуда, ба Урдун омада расиданд, ва пеш
аз он ки убур кунанд, шабро дар он ҷо гузарониданд+.
2 Ва баъд аз гузаштани се рӯз нозирон андаруни ӯрдугоҳ давр
заданд,
3 Ва ба қавм амр фармуда, гуфтанд: «Вақте ки сандуқи аҳди
Худованд Худои худро бубинед, ки коҳинон ва левизодагон онро
бардошта мебаранд, шумо низ аз ҷои худ равона шавед, ва аз ақиби
он биравед+.
4 Аммо дар миёни шумо ва он то ду ҳазор зироъ масофа бояд
бошад; ба он наздик нашавед, то роҳеро, ки бо он хоҳед рафт,
бидонед, зеро ки шумо ҳаргиз бо ин роҳ убур нанамудаед».
5 Ва Ехушаъ ба қавм гуфт: «Худро тақдис намоед, зеро ки фардо
Худованд дар миёни шумо корҳои аҷоиб хоҳад кард».
6 Ва Ехушаъ ба коҳинон сухан ронда, гуфт: «Сандуқи аҳдро
бардошта, пеши қавм убур намоед». Ва онҳо сандуқи аҳдро бардошта,
пеши қавм равона шуданд+.
7 Ва Худованд ба Ехушаъ гуфт: «Имрӯз Ман ба бузург гардонидани
ту дар назари тамоми Исроил шурӯъ менамоям, то бидонанд, ки
чунон ки бо Мусо будам, ончунон бо ту хоҳам буд;
8 Ва ту ба коҳинони бардорандаи сандуқи аҳд амр фармуда, бигӯй:
„Ҳамин ки ба канори обҳои Урдун бирасед, дар Урдун биистед“».
9 Ва Еҳушаъ ба банӣ-Исроил гуфт: «Ба ин ҷо наздик омада,
суханони Худованд Худои худро бишнавед».
10 Ва Ехушаъ гуфт: «Бо ин хоҳед донист, ки Худои Ҳай дар миёни
шумост, ва Ӯ канъониён ва ҳиттиён ва ҳиввиён ва фариззиён ва
ҷирҷошиён ва амӯриён ва ябусиёнро аз пеши шумо маҳв хоҳад
кард;+
11 Инак, сандуқи аҳди Молики тамоми ҷаҳон пешопеши шумо аз
Урдун убур хоҳад намуд;+
12 Ва алҳол шумо дувоздаҳ нафар аз сибтҳои Исроил, аз ҳар сибт як
нафар, барои худ бигиред;+
13 Ва ҳамин ки кафи пойҳои коҳинони бардорандаи сандуқи аҳди
Худованди Молики тамоми ҷаҳон ба обҳои Урдун дохил шавад,

обҳои Урдун, обҳое ки аз боло фурӯд меоянд, қатъ гардида, мисли
деворе хоҳад бозистод»+.
14 Ва ҳангоме ки қавм аз хаймаҳои худ равона шуданд, то аз Урдун
убур намоянд, ва коҳинони бардорандаи сандуқи аҳд пешопеши
қавм буданд,
15 Ҳамин ки бардорандагони сандуқ ба Урдун расиданд, ва пойҳои
коҳинони бардорандаи сандуқ ба канори об ғӯтид, — дар сурате ки
Урдун тамоми айёми дарав бар ҳамаи соҳилҳояш лабрез мешавад, —
+
16 Обҳое ки аз боло фурӯд меомад, ба масофаи бисьёр дур аз шаҳри
Одом, ки дар ҷониби Сортон аст, мисли деворе бозистод, ва обҳое ки
сӯи баҳри биёбон, яъне баҳри Намак, фурӯд меомад, тамоман қатъ
гардид, ва қавм дар рӯ ба рӯи Ериҳӯ убур карданд+.
17 Ва коҳинони бардорандаи сандуқи аҳди Худованд андаруни
Урдун дар хушкӣ маҳкам меистоданд, ва тамоми Исроил дар хушкӣ
убур мекарданд, то даме ки аз Урдун убур кардани тамоми халқ
анҷом ёфт+.

## Ду ҳайкали ёдгорӣ.

4 1 Ва ҳангоме ки аз Урдун убур кардани тамоми халқ анҷом ёфт,
Худованд ба Еҳушаъ сухан ронда, гуфт:
2 «Дувоздаҳ нафар аз миёни қавм, аз ҳар сибт як нафар, барои худ
бигиред,
3 Ва ба онҳо амр фармуда, бигӯед: „Аз ин ҷо, аз даруни Урдун, аз
ҷое ки пойҳои коҳинон маҳкам истода буд, дувоздаҳ санг барои худ
бардоред, ва онҳоро бо худ бурда, дар манзилгоҳе ки имшабро
мегузаронед, бигузоред“»+.
4 Ва Еҳушаъ дувоздаҳ мардеро, ки аз банӣ-Исроил, аз ҳар сибт як
нафар, интихоб карда буд, даъват намуд;
5 Ва Еҳушаъ ба онҳо гуфт: «Пеши сандуқи Худованд Худои худ ба
даруни Урдун баргардед, ва ҳар яке аз шумо як сангро, мувофиқи
шумораи сибтҳои банӣ-Исроил, бар китфи худ бардоред,
6 То ки ин дар миёни шумо аломате бошад; вақте ки писарони
шумо фардо пурсида, гӯянд: „Ин сангҳо дар шумо барои чист?“ —+
7 Он гоҳ ба онҳо хоҳед гуфт: „Барои ёдгории он аст, ки обҳои
Урдун пеши сандуқи аҳди Худованд қатъ гардид, яъне вақте ки он аз
Урдун убур мекард, обҳои Урдун қатъ гардид“. Ва ин сангҳо барои
банӣ-Исроил ёдгории абадӣ хоҳад буд».
8 Ва банӣ-Исроил чунон ки Еҳушаъ амр фармуд, амал карданд:
дувоздаҳ сангро аз даруни Урдун, чунон ки Худованд ба Еҳушаъ
гуфта буд, мувофиқи шумораи сибтҳои банӣ-Исроил, бардоштанд, ва
онҳоро ба манзилгоҳи худ бурда, дар он ҷо гузоштанд.
9 Ва Еҳушаъ ҳамчунин андаруни Урдун, дар ҷое ки пойҳои
коҳинони бардорандаи сандуқи аҳд истода буд, дувоздаҳ санг
гузошт, ва онҳо то имрӯз дар он ҷост.
10 Ва коҳинони бардорандаи сандуқ андаруни Урдун истоданд, то
вақти анҷом ёфтани ҳар чизе ки Худованд ба Еҳушаъ амр фармуда
буд, ки ба қавм бигӯяд, бар тибқи ҳар чи е ки Мусо ба Еҳушаъ амр
фармуда буд; ва қавм шитобон убур мекарданд.
11 Ва ҳангоме ки убур кардани тамоми қавм анҷом ёфт, сандуқи
Худованд ва коҳинон низ пеши қавм убур карданд.
12 Ва банӣ-Реубен ва банӣ-Ҷод ва нисфи сибти Менашше мусаллаҳ
шуда, пешопеши банӣ-Исроил убур карданд, чунон ки Мусо ба онҳо

гуфта буд+.
[13] Қариб чил ҳазор нафар пешгардҳои лашкар пеши Худованд ба
саҳроҳои Ериҳӯ барои ҷанг убур карданд.
[14] Дар он рӯз Худованд Еҳушаъро дар назари тамоми Исроил
бузург гардонид, ва онҳо дар тамоми айёми умраш аз ӯ метарсиданд,
чунон ки аз Мусо метарсиданд.
[15] Ва Худованд ба Еҳушаъ сухан ронда, гуфт:
[16] «Ба коҳинони бардорандаи сандуқи шаҳодат амр фармой, ки аз
Урдун бароянд».
[17] Ва Еҳушаъ ба коҳинон амр фармуда, гуфт: «Аз Урдун бароед».
[18] Ва ҳангоме ки коҳинони бардорандаи сандуқи аҳди Худованд аз
даруни Урдун баромаданд, ва кафи пойҳои коҳинон бар хушкӣ
гузошта шуд, обҳои Урдун ба ҷои худ баргашта, мисли он ки қабл аз
ин буд, бар ҳамаи соҳилҳои он ҷорӣ шуд.
[19] Ва қавм аз Урдун дар рӯзи даҳуми моҳи якум баромаданд, ва
дар Ҷилҷол, дар канори шарқии Ериҳӯ ӯрду заданд.
[20] Ва он дувоздаҳ сангро, ки аз Урдун гирифта буданд, Еҳушаъ дар
Ҷилҷол гузошт.
[21] Ва ба банӣ-Исроил сухан ронда, гуфт: «Вақте ки писарони шумо
фардо аз падарони худ пурсида, гӯянд: „Ин сангҳо барои чист?“ —
[22] Он гоҳ ба писарони худ фаҳмонида, хоҳед гуфт: „Исроил аз ин
Урдун ба хушкӣ убур карданд“.
[23] Зеро ки Худованд Худои шумо обҳои Урдунро пеши шумо
хушконид, то даме ки шумо аз он убур кардед, чунон ки Худованд
Худои шумо ба баҳри Қулзум кард, ки онро пеши мо хушконид, то
даме ки мо аз он убур кардем,+
[24] То ки ҳамаи қавмҳои замин дасти Худовандро бидонанд, ки он
пурзӯр аст, ва шумо аз Худованд Худои худ дар тамоми айёми худ
битарсед»+.

## Тарсу ҳарос дар Канъон. Манн тамом шуд.

5 1 Ва ҳамаи подшоҳони амӯрӣ, ки дар он тарафи Урдун ба самти
ғарб буданд, ва ҳамаи подшоҳони канъонӣ, ки дар соҳили баҳр
буданд, чун шуниданд, ки Худованд обҳои Урдунро пеши банӣ-
Исроил хушконидааст, то даме ки онҳо убур кардаанд, — дилҳошон
бемаҷол гардид, ва дар онҳо дигар рӯҳи муқовимат пеши банӣ-
Исроил боқӣ намонд.
2 Дар он вақт Худованд ба Еҳушаъ гуфт: «Кордҳо аз санги чақмоқ
барои худ бисоз, ва аз нав, бори дуюм банӣ-Исроилро хатна намо».
3 Ва Еҳушаъ кордҳои чақмоқ барои худ сохта, банӣ-Исроилро бар
тали Аролӯт хатна кард.
4 Ва ин аст сабаби хатна кардани Еҳушаъ: тамоми наринаи қавме
ки аз Миср берун омада буданд, ҳамаи мардони ҷангӣ, баъд аз он ки
аз Миср берун омаданд, дар роҳи биёбон мурданд,+
5 Дар сурате ки тамоми ин қавми беруномада махтун буданд, вале
тамоми қавме ки дар роҳи биёбон, баъд аз берун омадан аз Миср,
таваллуд шуда буданд, махтун набуданд.
6 Зеро ки банӣ-Исроил чил сол дар биёбон роҳ рафтанд, то вақти
фано шудани тамоми он халқ, яъне ҳамаи мардони ҷангие ки аз
Миср берун омада буданд, зеро ки онҳо ба овози Худованд гӯш
надоданд, ва Худованд ба онҳо қасам хӯрд, ки онҳо он заминро
нахоҳанд дид, ки Худованд ба падаронашон қасам хӯрда буд, ки онро
ба мо бидиҳад, замине ки шир ва асал дар он ҷорист;+
7 Ва писарони онҳоро ба ҷои онҳо барпо намуд; ана ҳаминҳоро
Еҳушаъ хатна кард, зеро ки ғилофакдор буданд, чунки онҳоро дар
роҳ хатна накарда буданд+.
8 Ва ҳангоме ки хатнаи тамоми ин халқ анҷом ёфт, онҳо дар
ҷойҳои худ дар ӯрдугоҳ монданд, то даме ки сиҳат ёфтанд.
9 Ва Худованд ба Еҳушаъ гуфт: «Имрӯз Ман нанги Мисрро аз шумо
дур кардам». Аз ин рӯ номи ин макон то имрӯз Ҷилҷол хонда
мешавад+.
10 Ва банӣ-Исроил дар Ҷилҷол ӯрду заданд, ва иди фисҳро дар рӯзи
чордаҳуми моҳ, бегоҳирӯзӣ, дар саҳроҳои Ериҳӯ ба ҷо оварданд+.
11 Ва фардои фисҳ, аз ҳосилоти ин замин дар ҳамон рӯз фатир ва
хӯшабирьён хӯрданд.

12 Ва аз фардояш, вақте ки аз ҳосили замин хӯрданд, боридани
манн қатъ шуд, ва банӣ-Исроил дигар манн надоштанд, балки дар он
сол онҳо аз ҳосилоти замини Канъон мехӯрданд+.

## Пешвои асроромез.

13 Ва ҳангоме ки Еҳушаъ назди Ериҳӯ буд, ӯ чашмонашро боло
бардошта, нигарист, ва инак, марде дар рӯ ба рӯи ӯ истодааст, ва
шамшери бараҳна дар дасти вай аст; ва Еҳушаъ назди вай омада, ба
вай гуфт: «Оё ту аз мо ҳастӣ ё аз душманони мо?»+
14 Вай гуфт: «Не, балки ман пешвои лашкари Худованд ҳастам, ки
алҳол омадам». Ва Еҳушаъ рӯ ба замин афтода, сачда бурд ва ба вай
гуфт: «Оғоям ба бандаи худ чӣ мегӯяд?»
15 Ва пешвои лашкари Худованд ба Еҳушаъ гуфт: «Пойафзолатро аз
пойҳоят бикаш, зеро ҷое ки ту истодаӣ, муқаддас аст». Ва Еҳушаъ
чунин кард+.
16 Ва Ериҳӯ пеши банӣ-Исроил маҳкам баста шуда буд: касе аз он
берун намерафт ва касе ба он дохил намешуд.

## Фатҳ кардани Ериҳӯ.

6 [1] Ва Худованд ба Еҳушаъ гуфт: «Инак, Ман Ериҳӯ ва подшоҳи он
ва мардони ҷангии онро ба дасти ту месупорам.
[2] Ва шумо, ҳамаи ҷанговарон, дар гирди шаҳр гардиш намоед,
яъне шаҳрро як карат давр занед; шаш рӯз чунин амал намо.
[3] Ва ҳафт коҳин бигзор ҳафт шохи қӯчқорро пешопеши сандуқ
бардошта гарданд, ва дар рӯзи ҳафтум ҳафт карат дар гирди шаҳр
гардиш намоед, за коҳинон шохҳоро бинавозанд.
[4] Ва чун шохи қӯчқор дуру дароз навохта шавад, ва шумо садои
шохро бишнавед, бигзор тамоми қавм бо овози баланд фарьёд
зананд, ва ҳисори шаҳр дар ҷои худ фурӯ хоҳад ғалтид, ва қавм, ҳар
яке аз рахнаи рӯ ба рӯи худ, ба шаҳр дохил хоҳанд шуд»+.
[5] Ва Еҳушаъ ибни Нун коҳинонро даъват намуда, ба онҳо гуфт:
«Сандуқи аҳдро бардоред; ва ҳафт коҳин бигзор ҳафт шохи қӯчқорро
пешопеши сандуқи Худованд бардоранд».
[6] Ва ба қавм гуфт: «Равона шавед ва дар гирди шаҳр гардиш
намоед, ва фавҷи пешгард бигзор пешопеши сандуқи Худованд
равона шаванд».
[7] Ва чун Еҳушаъ ба қавм ин суханонро гуфт, ҳафт коҳин, ки ҳафт
шохи қӯчқорро пеши Худованд бардошта буданд, равона шуда,
шохҳоро навохтанд; ва сандуқи аҳди Худованд аз ақиби онҳо мерафт.
[8] Ва фавҷи пешгард пешопеши коҳинони навозандаи шохҳо
мерафтанд, ва фавҷи соқа аз ақиби сандуқ мерафтанд; қадам
мезаданду шохҳоро менавохтанд.
[9] Ва Еҳушаъ ба кавм амр фармуда, гуфт: «Фарьёд назанед ва овози
худро нашунавонед, ва сухане аз даҳонатон набарояд, то рӯзе ки ба
шумо бигӯям: „Фарьёд занед!“ — ва он гоҳ фарьёд хоҳед зад».
[10] Ва сандуқи Худованд дар гирди шаҳр гардиш намуда, як карат
онро давр зад, ва онҳо ба ӯрдугоҳ омаданд, ва шаброดар ӯрдугоҳ
гузарониданд.
[11] Ва Еҳушаъ бомдодон бармаҳал бархост, ва коҳинон сандуқи
Худовандро бардоштанд.
[12] Ва ҳафт коҳин, ки ҳафт шохи қӯчқорро пешопеши сандуқи
Худованд бардошта мерафтанд, қадам зада мерафтанду шохҳоро
менавохтанд, ва фавҷи пешгард пешопеши онҳо равона буданд, ва

фавҷи соқа аз ақиби сандуқи Худованд мерафтанд; қадам мезаданду
шохҳоро менавохтанд.
13 Ва дар гирди шаҳр дар рӯзи дуюм як карат гардиш намуда, ба
ӯрдугоҳ баргаштанд; шаш рӯз чунин амал карданд.
14 Ва дар рӯзи ҳафтум баробари дамидани субҳ бармаҳал бархоста,
дар гирди шаҳр ба ҳамин минвол ҳафт карат гардиш карданд; фақат
дар ин рӯз дар гирди шаҳр ҳафт карат гардиш карданд.
15 Ва ҳангоме ки дафъаи ҳафтум коҳинон шохҳоро навохтанд,
Еҳушаъ ба қавм гуфт: «Фарьёд занед, зеро ки Худованд шаҳрро ба
шумо супурдааст!
16 Ва ин шаҳр, ва ҳар чи дар он аст, барои Худованд ҳаром хоҳад
буд; фақат Роҳоби фоҳиша бо ҳар касе ки дар хонаи вай аст, зинда
хоҳад монд, зеро вай қосидонеро, ки фиристодем, пинҳон кард+.
17 Валекин шумо аз чизи ҳаром эҳтиёт кунед, мабодо бо даст задан
ба чизи ҳаром шумо нобуд шавед, ва ӯрдугоҳи Исроилро гирифтори
ҳалокат карда, фалокате ба сари он биёред+.
18 Ва тамоми нуқра ва тилло ва зарфҳои мисин ва оҳанин вақф
барои Худованд буда, ба ганҷинаи Худованд дохил хоҳад шуд».
19 Ва қавм фарьёд заданд, ва шохҳоро навохтанд; ва ҳангоме ки
қавм садои шохро шуниданд, қавм бо овози баланд фарьёд заданд, ва
ҳисор дар ҷои худ фурӯ ғалтид, ва қавм, ҳар яке аз рахнаи рӯ ба рӯи
худ, ба шаҳр дохил шуданд, ва шаҳрро забт карданд+.
20 Ва ҳар чиро, ки дар шаҳр буд, — аз мард то зан, аз ҷавон то пир
ва то гов ва гӯсфанд ва хар, — ба дами шамшер маҳв карданд+.
21 Ва Еҳушаъ ба он ду мард, ки ин заминро ҷосусӣ карда буданд,
гуфт: «Ба хонаи он фоҳиша биравед, ва он занро бо ҳамаи онҳое ки
назди вай ҳастанд, берун оваред, чунон ки ба вай қасам хӯрдаед».
22 Ва он ду ҷавони ҷосус рафта, Роҳоб ва падараш ва модараш ва
бародаронаш ва ҳамаи онҳоеро, ки назди вай буданд, ва тамоми аҳли
оилаи варо бароварданд, ва онҳоро берун аз ӯрдугоҳи Исроил ҷо
доданд+.
23 Ва шаҳрро бо ҳар чи дар он буд, ба оташ сӯзониданд; фақат
нуқра ва тилло ва зарфҳои мисин ва оҳанинро ба ганҷинаи хонаи
Худованд супурданд.
24 Ва Роҳоби фоҳиша ва хонадони падари вай ва ҳамаи онҳоеро, ки
назди вай буданд, Еҳушаъ зинда нигоҳ дошт, ва вай то имрӯз дар

миёни Исроил сокин аст, зеро вай қосидонеро, ки Еҳушаъ барои
ҷосусии Ериҳӯ фиристода буд, пинҳон кард+.
[25] Ва Еҳушаъ дар он вақт қасам дода, гуфт: «Малъун бод ба хузури
Худованд касе ки бархоста, ин шаҳри Ериҳӯро бино кунад: бар
писари нахустзодаи худ бунёди онро хоҳад ниҳод ва бар писари
хурдии худ дарвозаҳои онро хоҳад шинонид»+.
[26] Ва Худованд бо Еҳушаъ буд, ва шӯҳрати ӯ дар тамоми замин
паҳн шуд.

## Гуноҳи Охон ба сари тамоми қавм фалокат меоварад.

**7** [1] Вале банӣ-Исроил дар ҳаққи ғанимате ки ҳаром дониста шуда
буд, хиёнат карданд; ва Охон ибни删Кармӣ ибни Забдӣ ибни Зораҳ,
ки аз сибти Яҳудо буд, аз он ғанимати ҳаром гирифт, ва хашми
Худованд бар банӣ-Исроил аланга зад+.
[2] Ва Еҳушаъ аз Ериҳӯ ба Ой, ки дар наздикии Байт-Овин, ба тарафи
шарқии Байт-Ил воқеъ аст, одамонро фиристод, ва ба онҳо сухан
ронда, гуфт: «Биравед ва он заминро ҷосусӣ кунед». Ва он одамон
рафта, Ойро ҷосусӣ карданд.
[3] Ва назди Еҳушаъ баргашта, ба ӯ гуфтанд: «Набояд тамоми қавм
бароянд, балки тақрибан ду ҳазор нафар, ё тақрибан се ҳазор нафар
бароянд, ва онҳо Ойро торумор хоҳанд кард; тамоми қавмро ба он ҷо
бурда заҳмат надеҳ, зеро ки онҳо кам ҳастанд».
[4] Ва аз қавм ба он ҷо тақрибан се ҳазор нафар равона шуданд, ва аз
пеши мардуми Ой рӯ ба гурез оварданд+.
[5] Ва аз онҳо мардуми Ой тақрибан сиву шаш нафарро куштанд, ва
аз пеши дарвоза то Шеборим онҳоро таъқиб карданд, ва дар нишебӣ
ба онҳо зарба расониданд; ва дили қавм гудохта гардида, об шуд.
[6] Ва Еҳушаъ либосҳояшро чок зад, ва пеши сандуқи Худованд то
шом рӯ ба замин афтод, — ӯ ва пирони Исроил, — ва хок бар сари худ
пошиданд+.
[7] Ва Еҳушаъ гуфт: «Ё Худоё Худовандо! Чаро ин қавмро аз Урдун
убур кунондӣ, то ки моро ба дасти амӯриён супурда, ба ҳалокат
бирасонӣ? Кошки мо азм намуда, дар он тарафи Урдун мемондем!+
[8] Лутфан, эй Худованд! Ман чӣ гӯям баъд аз он ки Исроил аз пеши
душманони худ гурехта ақиб рафтаанд?
[9] Ва акнун канъониён ва ҳамаи сокинони ин замин инро шунида,
дар гирди мо ҷамъ хоҳанд шуд ва номи моро аз замин маҳв хоҳанд
намуд; ва ту ба исми бузурги Худ чӣ хоҳӣ кард?»+
[10] Ва Худованд ба Еҳушаъ гуфт: «Бархез; чаро ту чунин бар рӯи худ
афтодаӣ?
[11] Исроил гуноҳкор шуданд, ва ҳам аҳдеро, ки ба онҳо амр
фармудаам, поймол карданд, ва ҳам ғанимати ҳаромро гирифтанд,
ва ҳам дуздиданд, ва ҳам пинҳон карданд, ва ҳам дар ашьёи худ
гузоштанд.

12 Ба ин сабаб Исроил наметавонанд пеши душманони худ
истодагӣ намоянд, ва аз пеши душманони худ гурехта ақиб
мераванд, зеро ки худро ҳаром гардониданд; агар шумо ғанимати
ҳаромро аз миёни худ нест накунед, Ман дигар бо шумо нахоҳам
буд+.
13 Бархоста, қавмро тақдис намо ва бигӯй: „Барои тақдиси фардо
ҳозир шавед; зеро ки Худованд Худои Исроил чунин мегӯяд:
ғанимати ҳаром дар миёни шумост, эй Исроил! То он ҳаромро аз
миёни худ дур накунед, пеши душманони худ наметавонед истодагӣ
намоед“.
14 Ва бомдодон шумо мувофиқи сибтҳои худ наздик оед; ва сибте
ки Худованд бар он ишорат диҳад, бигзор мувофиқи қабилаҳои худ
наздик ояд; ва қабилае ки Худованд бар он ишорат диҳад, бигзор
мувофиқи хонадонҳои худ наздик ояд; ва хонадоне ки Худованд бар
он ишорат диҳад, бигзор ҳар марди он наздик ояд+.
15 Ва ҳар кас, ки ғанимати ҳаром назди вай барояд, бигзор худаш
ва ҳар чизе ки дорад, ба оташ сӯзонида шавад, зеро ки вай аҳди
Худовандро поймол карда, қабоҳате дар Исроил ба амал овардааст».
16 Ва Еҳушаъ бомдодон бармаҳал бархоста, Исроилро мувофиқи
сибтҳошон наздик овард, ва ишорат бар сибти Яҳудо афтод;
17 Ва қабилаҳои Яҳудоро наздик овард, ишорат бар қабилаи Зораҳ
афтод; ва қабилаи Зораҳро мувофиқи мардҳои он наздик овард,
ишорат бар Забдӣ афтод;+
18 Ва хонадони ӯро мувофиқи мардҳои он наздик овард, ишорат
бар Охон ибни Кармӣ ибни Забдӣ ибни Зораҳ, ки аз хонадони Яҳудо
буд, афтод.
19 Ва Еҳушаъ ба Охон гуфт: «Писарам, лутфан Худованд Худои
Исроилро ҷалол деҳ, ва пеши Ӯ иқрор шав, ва ба ман маълум намо, ки
чӣ кардӣ; аз ман пинҳон надор»+.
20 Ва Охон ба Еҳушаъ ҷавоб гардонида, гуфт: «Ман ҳақиқатан пеши
Худованд Худои Исроил гуноҳ карда, чунин коре ба амал овардам:+
21 Вақте ки дар миёни ғанимат як ҷомаи зебои шинъорӣ, ва дусад
сиқл нуқра, ва як сихи тиллоро, ки вазнаш панҷоҳ сиқл буд, дидам,
онҳоро тамаъ намуда, гирифтам; ва инак, он андаруни хаймаи ман
дар замин пинҳон карда шудааст, ва нуқра дар таги он мебошад»+.

22 Ва Еҳушаъ қосидонро фиристод, ва онҳо сӯи он хайма давиданд;
ва инак, он дар хаймаи ӯ пинҳон карда шуда буд, ва нуқра дар таги
он буд.
23 Ва онро аз даруни хайма гирифта, назди Еҳушаъ ва тамоми
банӣ-Исроил оварданд, ва ба хузури Худованд гузоштанд.
24 Ва Ехушаъ, ва тамоми Исроил ҳамроҳи ӯ, Охон ибни Зораҳ ва
нуқра ва ҷома ва сихи тилло, ва писаронаш ва духтаронаш, ва
говонаш ва харонаш, ва бузу гӯсфан донаш ва хаймааш ва ҳар чиро,
ки дошт, гирифтанд, ва онҳоро ба водии Охӯр баровარданд.
25 Ва Еҳушаъ гуфт: «Чӣ фалокатест, ки ту ба сари мо овардӣ?
Худованд имрӯз ба сари ту фалокат хоҳад овард». Ва тамоми Исроил
ӯро сангсор карданд, ва онҳоро ба оташ сӯзониданд ва онҳоро
сангборон карданд.
26 Ва сангтӯдаи бузурге бар ӯ барпо карданд, ки он то имрӯз
боқист, ва оташи хашми Худованд фурӯ нишаст. Бинобар ин номи он
мавзеъ то имрӯз водии Охӯр хонда мешавад+.

## Забт кардани шаҳри Ой.

8 [1] Ва Худованд ба Ехушаъ гуфт: «Натарс ва ҳаросон нашав, ҳамаи
мардони ҷангиро ҳамроҳи худ бигир ва бархоста, сӯи Ой бирав;
инак, Ман подшоҳи Ой ва қавмаш ва шаҳраш ва заминашро ба дасти
ту месупорам+.
[2] Ва бо Ой ва подшоҳаш тавре амал намо, ки бо Ериҳӯ ва подшоҳаш
амал намудӣ, фақат ғаниматаш ва чорпоёнашро барои худ тороҷ
кунед; дар пушти шаҳр барои худ камин бисоз»+.
[3] Ва Еҳушаъ ва ҳамаи мардони ҷангӣ бархостанд, то ки сӯи Ой
бираванд; ва Еҳушаъ сӣ ҳазор нафар ҷанговарони ҷасурро баргузид,
ва шабона онҳоро фиристод.
[4] Ва ба онҳо амр фармуда, гуфт: «Инак, шумо назди шаҳр аз пушти
шаҳр камин хоҳед кард; аз шаҳр бисьёр дур наравед, ва ҳамаатон
тайёр бошед+.
[5] Ва ман ва тамоми қавме ки бо мананд, ба шаҳр наздик хоҳем
шуд; ва ҳамин ки онҳо, мисли дафъаи аввал, ба пешвози мо берун
оянд, мо аз пеши онҳо хоҳем гурехт+.
[6] Ва онҳо моро дунболагирӣ хоҳанд кард, то даме ки онҳоро аз
шаҳр дур созем, ба тавре ки онҳо хоҳанд гуфт: „Мисли дафъаи аввал
аз пеши мо мегурезанд“. Ва мо аз пеши онҳо хоҳем гурехт.
[7] Он гоҳ шумо аз камингоҳи худ бархоста, шаҳрро забт намоед; ва
Худованд Худои шумо онро ба дасти шумо хоҳад супурд.
[8] Ва ҳамин ки шаҳрро мусаххар кардед, шаҳрро ба оташ
бисӯзонед, бар тибқи каломи Худованд амал намоед; инак, шуморо
амр фармудам».
[9] Ва Еҳушаъ онҳоро фиристод, ва онҳо сӯи камингоҳ рафта, дар
миёни Байт-Ил ва Ой, аз тарафи ғарбии Ой ҷойгир шуданд; ва Еҳушаъ
он шабро дар миёни қавм гузаронид.
[10] Ва Еҳушаъ бомдодон бармаҳал бархоста, лашкарашро аз назар
гузаронид; ва ӯ бо якҷоягии пирони Исроил пешопеши лашкар сӯи
Ой равона шуд.
[11] Ва ҳамаи мардони ҷангӣ, ки бо ӯ буданд, раҳсипор гардида,
наздик омаданд ва ба маконе ки дар рӯ ба рӯи шаҳр буд, расиданд, ва
аз тарафи шимолии Ой ӯрду заданд, дар сурате ки дар миёни онҳо ва
Ой дарае буд.

[12] Ва ӯ қариб панҷ ҳазор нафарро гирифта, дар миёни Байт-Ил ва
Ой, аз тарафи ғарбии Ой дар камин гузошт.
[13] Ва қавмро, яъне тамоми ӯрдуеро, ки буданд, ба тарафи
шимолии шаҳр, ва каминваронро ба тарафи ғарбии шаҳр ҷойгир
карданд; ва Еҳушаъ он шаб ба миёни водӣ рафт.
[14] Ва ҳангоме ки подшоҳи Ой инро дид, ӯ ва тамоми қавмаш, яъне
мардуми шаҳр, шитоб намуда, бармаҳал бархостанд ва ба пешвози
Исроил ба мавзеи муайяни пеши саҳро барои ҷанг баромаданд; вале
ӯ намедонист, ки дар пушти шаҳр ба муқобили ӯ камин сохтаанд.
[15] Ва Еҳушаъ ва тамоми Исроил худро пеши онҳо мағлуб вонамуд
карда, бо роҳи биёбон гурехтанд.
[16] Ва ҳамаи мардоне ки дар Ой буданд, ҷамъ омаданд, то ки
онҳоро таъқиб намоянд, ва Еҳушаъро таъқиб намуда, аз шаҳр дур
шуданд.
[17] Ва дар Ой ва Байт-Ил марде намонд, ки барои таъқиб кардани
Исроил берун нарафта бошад; ва онҳо шаҳрро воз гузошта, Исроилро
таъқиб карданд.
[18] Ва Худованд ба Еҳушаъ гуфт: «Мизроқеро, ки дар дасти туст, сӯи
Ой дароз кун, зеро ки онро ба дасти ту месупорам». Ва Еҳушаъ
мизроқеро, ки дар дасташ буд, сӯи шаҳр дароз кард.
[19] Ва каминварон зуд аз ҷои худ бархостанд ва, ҳамин ки ӯ
дасташро дароз кард, давида ба шаҳр дохил шуданд ва онро забт
карданд ва дарҳол шаҳрро оташ зада сӯзониданд+.
[20] Ва мардуми Ой ба ақиби худ назар андохта диданд, ки инак,
дуди шаҳр ба осмон мебарояд; ва онҳоро маҷоли он набуд, ки ба ин
тараф ё он тараф бигрезанд; ва қавме ки сӯи биёбон мегурехтанд, бар
таъқибкунандагони худ баргаштанд.
[21] Ва чун Еҳушаъ ва тамоми Исроил диданд, ки каминварон
шаҳрро забт карданд, ва дуди шаҳр баланд шуд, онҳо баргашта,
мардуми Ойро зарба задан гирифтанд.
[22] Ва дигарон аз шаҳр ба пешвозашон баромаданд, ба тавре ки онҳо
дар миёни исроилиён афтоданд: баъзе аз ин тараф ва баъзе аз он
тараф буданд. Ва онҳоро зарба мезаданд, ба дараҷае ки як нафар ҳам
аз онҳо боқӣ намонд ва натавонист бигрезад+.
[23] Ва подшоҳи Ойро зинда дастгир карданд, ва ӯро назди Еҳушаъ
оварданд+.

24 Ва ҳангоме ки исроилиён куштани ҳамаи сокинони Ойро дар
саҳро ва дар биёбоне ки онҳоро дар он таъқиб мекарданд, ба охир
расониданд, ба тавре ки ҳамаашон то ба охир ба дами шамшер
афтоданд, он гоҳ тамоми Исроил ба Ой баргашта, аҳолии онро ба
дами шамшер маҳв карданд.
25 Ва ҳамаи афтодагон дар он рӯз, аз мард то зан, яъне тамоми
мардуми Ой, дувоздаҳ ҳазор нафар буданд.
26 Ва Еҳушаъ дасти худро, ки бо мизроқ дароз карда шуда буд, ақиб
накашид, то даме ки ҳамаи сокинони Ойро маҳв намуд.
27 Фақат чорпоён ва ғанимати ин шаҳрро исроилиён барои худ
тороҷ карданд, бар тибқи каломи Худованд, ки ба Еҳушаъ амр
фармуда буд.
28 Ва Еҳушаъ Ойро сӯзонид, ва онро харобазори абадӣ гардонид, ки
то имрӯз дар ҳамин ҳолат аст+.
29 Ва подшоҳи Ойро ба дор овехта, то вақти шом боқӣ гузошт, ва
баробари ғуруб кардани офтоб Еҳушаъ амр фармуд, ва лошаи варо аз
дор фуроварда, дар даҳани дарвозаи шаҳр партофтанд, ва сангтӯдаи
бузурге бар он барпо карданд, ки то имрӯз боқист+.

## Баракатҳо ва лаънатҳо бар кӯҳи Эбол.

30 Он гоҳ Еҳушаъ қурбонгоҳе барои Худованд Худои Исроил бар
кӯҳи Эбол бино кард,+
31 Чунон ки Мусо, бандаи Худованд, ба банӣ-Исроил амр фармуда
буд, ҳамон тавре ки дар китоби шариати Мусо навишта шудааст,
яъне қурбонгоҳе аз сангҳои яклухт, ки бар онҳо олати оҳанин
бардошта нашуда буд; ва қурбониҳои сӯхтанӣ барои Худованд бар он
оварданд, ва қурбониҳои саломатӣ забҳ карданд+.
32 Ва дар он ҷо Еҳушаъ дар ҳузури банӣ-Исроил бар сангҳо нусхаи
шариати Мусоро навишт.
33 Ва тамоми Исроил, ва пиронашон, ва нозиронашон, ва
доваронашон аз ҳар ду тарафи сандуқ, дар рӯ ба рӯи коҳинони
левизодаи бардорандаи сандуқи аҳди Худованд рост истоданд, — ҳам
ғарибон ва ҳам бумиён, — нисфашон назди кӯҳи Ҷаризим ва
нисфашон назди кӯҳи Эбол, чунон ки Мусо, бандаи Худованд, амр
фармуда буд, то ки қавми Исроилро дафъаи аввал баракат диҳад+.

[34] Ва пас аз он ҳамаи суханони шариат, яъне баракат ва лаънатро,
чунон ки ҳамааш дар китоби шариат навишта шудааст, хонд+.
[35] Аз ҳар чи Мусо амр фармуда буд, сухане набуд, ки Еҳушаъ пеши
тамоми ҷамоати Исроил, пеши занон ва кӯдакон ва ғарибоне ҳам, ки
дар миёни онҳо буданд, нахонда бошад+.

## Иттифоқ бо Ҷибъӯн.

9 [1] Ва чун ҳамаи подшоҳони он тарафи Урдун, ки дар кӯҳ ва
пастӣ ва тамоми соҳили баҳри Бузург то рӯ ба рӯи Лубнон буданд,
яъне подшоҳони ҳиттиён ва амӯриён, канъониён, фариззиён,
ҳиввиён ва ябусиён инро шуниданд,
[2] Якҷоя ҷамъ шуданд, то ки бо Еҳушаъ ва қавми Исроил якдилона
ҷанг кунанд+.
[3] Валекин сокинони Ҷибъӯн он чиро, ки Еҳушаъ дар ҳаққи Ериҳӯ
ва Ой карда буд, шунида,+
[4] Айёрона рафтор карданд: рафта, худро мисли қосидон вонамуд
сохтанд, ва хӯрҷинҳои фасурда бар харони худ ва машкҳои шароб, ки
фасурда гардида ва дарида ва бо риштаҳо баста шуда буд, гирифтанд;
[5] Ва бар пойҳошон кафшҳои фасурдаи ямоқӣ, ва бар танҳошон
ҷомаҳои фасурда, ва тамоми нони тӯшаашон хушк ва пӯпанак
бастагӣ буд.
[6] Ва онҳо назди Еҳушаъ ба ӯрдугоҳи Ҷилҷол омада, ба ӯ ва ба
исроилиён гуфтанд: «Мо аз кишвари дурдасте омадаем, ва алҳол бо
мо аҳд бибандед»+.
[7] Ва исроилиён ба ин ҳиввиён гуфтанд: «Шояд, шумо дар миёни
мо сокин бошед, пас чӣ гуна мо метавонем бо шумо аҳд бибандем?»
[8] Ва онҳо ба Еҳушаъ гуфтанд: «Мо бандагони ту ҳастем». Ва
Еҳушаъ ба онҳо гуфт: «Шумо кистед ва аз куҷо омадаед?»
[9] Ва онҳо ба ӯ гуфтанд: «Мо, бандагонат, аз кишвари дурдасте ба
сабаби исми Худованд Худои ту омадаем, зеро овозаи Ӯ ва ҳар он
чиро, ки Ӯ дар Миср кардааст, шунидаем,+
[10] Ва низ он чиро, ки Ӯ ба ду подшоҳи амӯриён, ки дар он тарафи
Урдун буданд, яъне ба Сиҳӯн подшоҳи Ҳешбӯн ва Ӯҷ подшоҳи Бошон,
ки дар Ашторӯт буд, кардааст;+
[11] Ва пирони мо ва ҳамаи сокинони кишвари мо ба мо сухан
ронда, гуфтанд: „Тӯшаи роҳ ба дасти худ бигиред ва ба пешвози онҳо
биравед, ва ба онҳо бигӯед, ки мо бандагони шумо ҳастем, ва алҳол
бо мо аҳд бибандед“;
[12] Ин нони мост, ки онро аз хонаҳои худ ҳамчун тӯшаи роҳ гарм
гирифта будем дар он рӯзе ки баромадем, то ки назди шумо биёем,
ва инак, ҳоло он хушк шуда, пӯпанак бастааст;

13 Ва ин машкҳои шароб, ки пур карда будем, нав буд, ва инак,
даридааст; ва ин ҷомаҳо ва кафшҳои мо аз боиси он ки роҳ бағоят дур
буд, фасурда гардидааст».
14 Ва мардум аз тӯшаи онҳо гирифта хӯрданд, вале раъйи
Худовандро напурсиданд+.
15 Ва Еҳушаъ бо онҳо сулҳ кард, ва бо онҳо аҳд баст, ки онҳоро
зинда нигоҳ дорад; ва раисони ҷамоат ба онҳо қасам хӯрданд+.
16 Ва баъд аз гузаштани се рӯз, ки бо онҳо аҳд баста буданд,
шуниданд, ки онҳо аз мавзеи наздиканд ва дар миёнашон сокин
мебошанд.
17 Ва банӣ-Исроил равона шуда, дар рӯзи сеюм ба шаҳрҳои онҳо
расиданд, ки ин шаҳрҳо буд: Ҷибъӯн, Кафира, Беэрӯт ва Қирьят-
Еорим+.
18 Вале банӣ-Исроил онҳоро накуштанд, зеро ки раисони ҷамоат
барои онҳо ба Худованд Худои Исроил қасам хӯрда буданд; ва
тамоми ҷамоат аз раисон норизогӣ карданд.
19 Ва ҳамаи раисон ба тамоми ҷамоат гуфтанд: «Мо барои онҳо ба
Худованд Худои Исроил қасам хӯрдем, ва алҳол наметавонем ба
онҳо осеб расонем;
20 Ба онҳо чунин рафтор хоҳем кард ва онҳоро зинда нигоҳ хоҳем
дошт, ва бар мо барои қасаме ки барои онҳо хӯрдаем, ғазабе нахоҳад
шуд».
21 Ва раисон ба онҳо гуфтанд: «Бигзор зинда монанд!» Ва онҳо
барои тамоми ҷамоат ҳезумшикан ва обкаш гардиданд, чунон ки
раисон ба онҳо гуфта буданд+.
22 Ва Еҳушаъ онҳоро даъват намуд, ва ба онҳо сухан ронда, гуфт:
«Чаро моро фиреб дода, гуфтед, ки „мо аз шумо бисьёр дур ҳастем“,
ва ҳол он ки шумо дар миёни мо сокин мебошед?
23 Ва акнун шумо малъун ҳастед, ва аз миёни шумо ҳамеша
ғуломон ва ҳезумкашон ва обкашон барои хонаи Худои ман хоҳанд
буд».
24 Ва онҳо ба Еҳушаъ ҷавоб гардонида, гуфтанд: «Зеро ба
бандагонат хабар расид, ки Худованд Худои ту ба бандаи Худ Мусо
амр фармудааст, ки тамоми ин заминро ба шумо бидиҳад ва ҳамаи
сокинони ин заминро аз пеши шумо маҳв намояд; ва аз ин рӯ мо аз
шумо барои ҷонҳои худ бисьёр тарсидем, ва ин корро кардем+.

[25] Ва алҳол мо дар дасти ту ҳастем; ҳар гунае ки дар назари ту
дуруст ва одилона бошад, ки ба мо амал намоӣ, он гуна амал намо»+.
[26] Ва ӯ ба онҳо чунин амал намуд: онҳоро аз дасти банӣ-Исроил
халосӣ дод, ва онҳоро накуштанд.
[27] Ва Еҳушаъ онҳоро дар он рӯз таъин намуд, ки барои ҷамоат ва
барои қурбонгоҳи Худованд дар ҳар ҷое ки Ӯ ихтиёр кунад,
ҳезумшикан ва обкаш бошанд, ва то имрӯз чунин ҳастанд.

## Еҳушаъ ибни Нун ғалабаи аҷоибе бар панҷ подшоҳ ба даст меоварад.

**10** 1 Ва чун Адӯнӣ-Содақ, подшоҳи Ерусалим, шунид, ки Еҳушаъ Ойро забт намуда, торумор кардааст, яъне чӣ гунае ки бо Ериҳӯ ва подшоҳаш амал намуда буд, бо Ой ва подшоҳаш низ он гуна амал намудааст, ва сокинони Ҷибъӯн бо исроилиён сулҳ баста, дар миёни онҳо мондаанд, —+

2 Онҳо бисьёр ҳаросон шуданд, зеро ки Ҷибъӯн, чун яке аз шаҳрҳои подшоҳнишин, бузург буд, ва аз Ой ҳам бузургтар буд, ва тамоми мардумаш далер буданд+.

3 Пас Адӯнӣ-Содақ, подшоҳи Ерусалим, назди Ҳӯҳом, подшоҳи Ҳебрӯн, ва Фиръом, подшоҳи Ярмут, ва Ёфиа, подшоҳи Лохиш, ва Дабир, подшоҳи Эҷлӯн, фиристода, гуфт:

4 «Назди ман омада, ба ман мадад диҳед, то ки Ҷибъӯнро зарба занем, зеро ки вай бо Еҳушаъ ва банӣ-Исроил сулҳ бастааст».

5 Ва панҷ подшоҳи амӯриён: подшоҳи Ерусалим, подшоҳи Ҳебрӯн, подшоҳи Ярмут, подшоҳи Лохиш ва подшоҳи Эҷлӯн ҷамъ шуда, баромаданд, яъне худашон ва тамоми лашкарашон назди Ҷибъӯн ӯрду заданд, то ки бар зидди вай ҷанг кунанд+.

6 Ва мардуми Ҷибъӯн назди Еҳушаъ ба ӯрдугоҳи Ҷилҷол фиристода, гуфтанд: «Дасти худро аз бандагонат боз надор, балки зуд назди мо омада, моро наҷот деҳ ва ба мо мадад кун, зеро ки ҳамаи подшоҳони амӯриёни кӯҳнишин бар зидди мо ҷамъ шудаанд».

7 Ва Еҳушаъ аз Ҷилҷол баромад, худаш ва ҳамроҳи ӯ тамоми қавми ҷанговар, ва ҳамаи мардони ҷангӣ.

8 Ва Худованд ба Еҳушаъ гуфт: «Аз онҳо натарс, зеро ки онҳоро ба дасти ту супурдаам: ҳеҷ яке аз онҳо наметавонад пеши ту истодагӣ намояд»+.

9 Ва Еҳушаъ, тамоми шаб аз Ҷилҷол роҳ паймуда, ногаҳон назди онҳо пайдо шуд.

10 Ва Худованд онҳоро пеши Исроил ошуфта кард, ва ба онҳо дар Ҷибъӯн зарбаи азим расониданд, ва онҳоро дар роҳи фарози Байт-Ҳӯрӯн таъқиб карданд, ва то Азеқо ва Маққедо онҳоро торумор сохтанд+.

11 Ва ҳангоме ки онҳо аз пеши Исроил мегурехтанд, дар сурате ки дар нишебии Байт-Ҳӯрӯн буданд, — Худованд бар онҳо аз осмон то Азеқо сангҳои бузург мепартофт, ва онҳо мемурданд; онҳое ки аз сангҳои тагарг мурданд, зиёдтар буданд аз онҳое ки банӣ-Исроил ба шамшер куштанд+.

12 Он гоҳ Еҳушаъ, дар рӯзе ки Худованд амӯриёнро ба дасти банӣ-Исроил супурд, ба исми Худованд сухан ронда, дар пеши исроилиён гуфт:
«Эй офтоб, бар Ҷибъӯн биист,
ва эй моҳ, — бар водии Аёлӯн!»

13 Ва офтоб истод, ва моҳ таваққуф намуд, то даме ки халқ аз душманони худ интиқом гирифтанд; ин, охир, дар китоби Ёшор навишта шудааст; ва офтоб дар миёнҷои осмон истод, ва қариб рӯзи дароз ба ғуруб кардан нашитофт+.

14 Ва на пеш аз он ва на баъд аз он рӯзе мисли ин воқеъ нашудааст, ки Худованд овози одамизодро шунида бошад, зеро ки Худованд барои Исроил меҷангид+.

15 Ва Еҳушаъ, ва ҳамроҳи ӯ тамоми Исроил, ба ӯрдугоҳи Ҷилҷол баргаштанд.

16 Вале он панҷ подшоҳ гурехта, дар мағораи назди Маққедо пинҳон шуданд.

17 Ва ба Еҳушаъ хабар расонида, гуфта шуд: «Он панҷ подшоҳ ёфт шуданд, дар ҳолате ки дар мағораи назди Маққедо пинҳон мебошанд».

18 Ва Еҳушаъ гуфт: «Сангҳои бузурге ба даҳани мағора биғелонед ва одамонро назди он таъин намоед, то ки посбонӣ кунанд;

19 Вале шумо таваққуф накарда, душманони худро таъқиб намоед ва касони дар қафои онҳо бударо маҳв созед; онҳоро нагузоред, ки ба шаҳрҳои худ дохил шаванд, зеро ки Худованд Худои шумо онҳоро ба дасти шумо супурдааст».

20 Ва чун Еҳушаъ ва банӣ-Исроил ба онҳо зарбаи бағоят бузурге расонида, онҳоро тамоман несту нобуд карданд, ва растагороне ки аз онҳо боқӣ монда буданд, ба шаҳрҳои ҳисордор дохил шуданд,

21 Он гоҳ тамоми қавм ба ӯрдугоҳ назди Еҳушаъ, ки дар Маққедо буд, ба саломатӣ баргаштанд, ва касе забонашро бароварда, ба муқобили ҳеҷ яке аз банӣ-Исроил сухане наронд.

22 Ва Еҳушаъ гуфт: «Даҳани мағораро бикшоед ва он панҷ
подшоҳро аз мағора назди ман берун оваред».
23 Ва чунин карданд, ва он панҷ подшоҳ: подшоҳи Ерусалим,
подшоҳи Ҳебрӯн, подшоҳи Ярмут, подшоҳи Лохиш ва подшоҳи
Эҷлӯнро аз мағора назди ӯ берун оварданд.
24 Ва ҳангоме ки он подшоҳонро назди Еҳушаъ берун оварданд,
Еҳушаъ ҳамаи исроилиёнро хонд, ва ба саркардагони мардони ҷангӣ,
ки бо ӯ мерафтанд, гуфт: «Наздик омада, пойҳои худро бар гардани
ин подшоҳон бимонед». Ва наздик омада, пойҳои худро бар гардани
онҳо монданд+.
25 Ва Еҳушаъ ба онҳо гуфт: «Натарсед ва ҳаросон нашавед; кавӣ ва
далер бошед, зеро Худованд ба ҳамаи душманонатон, ки шумо бо
онҳо меҷангед, чунин хоҳад кард»+.
26 Ва пас аз ин Еҳушаъ онҳоро зада кушт ва бар панҷ дор овехт; ва
то шом онҳо бар дорҳо овезон буданд+.
27 Ва дар вақти ғуруби офтоб Еҳушаъ амр фармуд, ва онҳоро аз
дорҳо фуроварда, ба мағорае ки дар он пинҳон шуда буданд,
партофтанд, ва дар даҳани мағора сангҳои калон гузоштанд, ки ин то
имрӯз боқист+.
28 Ва дар он рӯз Еҳушаъ Маққедоро забт намуда, аҳолии он ва
подшоҳи онро ба дами шамшер кушт, — он ва ҳар ҷондореро, ки дар
он буд, несту нобуд карда, растагореро боқӣ нагузошт; ва ба подшоҳи
Маққедо ончунон амал кард, ки ба подшоҳи Ериҳӯ карда буд+.
29 Ва Еҳушаъ, дар сурате ки тамоми Исроил бо ӯ буданд, аз
Маққедо ба Либно гузашта, бо Либно ҷанг кард.
30 Ва Худованд онро низ бо якҷоягии подшоҳи он ба дасти Исроил
супурд; ва он ва ҳар ҷондореро, ки дар он буд, ба дами шамшер кушт,
ва растагореро дар он боқӣ нагузошт; ва ба подшоҳаш ончунон амал
кард, ки ба подшоҳи Ериҳӯ карда буд.
31 Ва Еҳушаъ, дар сурате ки тамоми Исроил бо ӯ буданд, аз Либно
ба Лохиш гузашт, ва назди он ӯрду зада, бо он ҷанг кард.
32 Ва Худованд Лохишро ба дасти Исроил супурд, ва онро дар рӯзи
дуюм забт намуда, он ва ҳар ҷондореро, ки дар он буд, торумор кард,
чунон ки ба Либно амал карда буд.
33 Он гоҳ Ҳӯром подшоҳи Ҷозар ба мадади Лохиш баромад, вале
Еҳушаъ ӯ ва қавми ӯро торумор кард, ба дараҷае ки растагореро дар ӯ

боқӣ нагузошт.
34 Ва Еҳушаъ, дар сурате ки тамоми Исроил бо ӯ буданд, аз Лохиш
ба Эҷлӯн гузашт, ва назди он ӯрду зада, бар зидди он ҷанг карданд.
35 Ва дар он рӯз онро забт карда, аҳолии онро ба дами шамшер
куштанд, ва ҳар ҷондореро, ки дар он буд, дар он рӯз несту нобуд
кард, чунон ки ба Лохиш карда буд.
36 Ва Еҳушаъ, дар сурате ки тамоми Исроил бо ӯ буданд, аз Эҷлӯн
ба Ҳебрӯн гузашт, ва бар зидди он ҷанг карданд.
37 Ва онро забт намуда, он ва подшоҳи он, ва ҳамаи шаҳрҳои он ва
ҳар ҷондореро, ки дар он буд, ба дами шамшер куштанд; растагореро
боқӣ нагузошт, чунон ки ба Эҷлӯн карда буд; ва он ва ҳар ҷондореро,
ки дар он буд, несту нобуд кард.
38 Ва Еҳушаъ, дар сурате ки тамоми Исроил бо ӯ буданд, ба Дабир
рӯ овард, ва бар зидди он ҷанг кард+.
39 Ва он ва подшоҳи он ва ҳамаи шаҳрҳои онро забт намуд; ва
онҳоро ба дами шамшер куштанд, ва ҳар ҷондореро, ки дар он буд,
несту нобуд карданд; растагореро боқӣ нагузошт; ба Дабир ва
подшоҳи онончунон амал кард, чунон ки ба Ҳебрӯн карда буд, ва
чунон ки ба Либно ва подшоҳи он карда буд.
40 Ва Еҳушаъ тамоми он заминро: кӯҳистон ва ҷануб ва пастӣ ва
нишебиҳо, ва ҳамаи подшоҳони онҳоро торумор карда, растагореро
боқӣ нагузошт; ва ҳар ҷондорро несту нобуд кард, чунон ки Худованд
Худои Исроил амр фармуда буд+.
41 Ва онҳоро Еҳушаъ аз Қодеш-Барнеа то Ғазза, ва тамоми замини
Ҷӯшанро то Ҷибъӯн торумор кард.
42 Ва ҳамаи ин подшоҳон ва заминашонро Еҳушаъ якбора забт
намуд, зеро ки Худованд Худои Исроил барои Исроил меҷангид.
43 Ва Еҳушаъ, дар сурате ки тамоми Исроил бо ӯ буданд, ба
ӯрдугоҳи Ҷилҷол баргашт.

## Истилои қатъии Канъон.

11 [1] Ва ҳангоме ки Ёбин, подшоҳи Ҳосӯр, инро шунид, назди
Юбоб, подшоҳи Модӯн, ва назди подшоҳи Шимрӯн, ва назди
подшоҳи Акшоф фиристод,
[2] Ва назди подшоҳоне ки ба тарафи шимол дар кӯҳистон ва дар
саҳрои ҷануби Кинерӯт, ва дар пастӣ, ва дар Нофӯт-Дӯр ба тарафи
ғарб буданд;
[3] Ва назди канъониён, ки ба тарафи шарқ ва ғарб буданд, ва назди
амӯриён ва ҳиттиён ва фариззиён ва ябусиён, ки дар кӯҳистон
буданд, ва назди ҳиввиён, ки ба зери Ҳермӯн дар замини Мисфо
буданд.
[4] Ва онҳо, ва бо онҳо ҳамаи лашкарҳошон, ки қавми сершумор
буданд, ва дар сершуморӣ мисли реги лаби дарьё буданд, ва аспу
аробаҳои бағоят бисьёр доштанд, берун омаданд+.
[5] Ва ҳамаи ин подшоҳон ҷамъ шуданд, ва омада, назди обҳои
Мерӯм якҷоя ӯрду заданд, то ки бо Исроил ҷанг кунанд+.
[6] Ва Худованд ба Еҳушаъ гуфт: «Аз онҳо натарс, зеро ки фардо дар
чунин вақт, Ман ҳамаи онҳоро барои торумор кардани Исроил хоҳам
супурд; аспҳои онҳоро пай бикун, ва аробаҳои онҳоро ба оташ
бисӯзон»+.
[7] Ва Еҳушаъ, дар сурате ки тамоми қавми ҷанговар бо ӯ буданд,
ногаҳон назди обҳои Мерӯм дар рӯ ба рӯи онҳо пайдо шуд, ва бар
онҳо ҳуҷум карданд.
[8] Ва Худованд онҳоро ба дасти Исроил супурд, ва онҳоро зарба
заданд, ва онҳоро то Сидӯн-Рабба ва то Мисрефӯт-Маим ва то водии
Мисфо ба тарафи шарқ таъқиб карданд, ва онҳоро торумор сохтанд,
ба дараҷае ки растагоре аз онҳо боқӣ намонд.
[9] Ва Еҳушаъ ба онҳо ончунон амал намуд, ки Худованд ба ӯ гуфта
буд: аспҳошонро пай кард ва аробаҳошонро ба оташ сӯзонид.
[10] Ва Еҳушаъ дар айни замон баргашта, Ҳосӯрро забт намуд, ва
подшоҳи онро бо шамшер кушт, зеро ки Ҳосӯр пештар сари ҳамаи ин
мамлакатҳо буд.
[11] Ва ҳар ҷондореро, ки дар он буд, ба дами шамшер кушта, несту
нобуд карданд; як нафар ҳам аз онҳо боқӣ намонд; ва Ҳосӯрро ба
оташ сӯзонид.

12 Ва ҳамаи шаҳрҳои ин подшоҳонро Еҳушаъ забт намуд, ва ҳамаи
подшоҳони онҳоро ба дами шамшер кушта, несту нобуд кард, чунон
ки Мусо, бандаи Худованд, амр фармуда буд+.
13 Аммо ҳамаи шаҳрҳои бар талҳо истодаро исроилиён
насӯзониданд, ғайр аз Ҳосӯр, ки фақат онро Еҳушаъ сӯзонид.
14 Ва тамоми ғанимати ин шаҳрҳо ва чорпоёнро банӣ-Исроил
барои худ тороҷ карданд; фақат ҳамаи одамонро ба дами шамшер
куштанд, то ба дараҷае ки онҳоро тамоман несту нобуд карда, як
нафар ҳам боқӣ нагузоштанд.
15 Чунон ки Худованд ба бандаи Худ Мусо амр фармуда буд,
ончунон Мусо ба Еҳушаъ амр фармуд, ва Еҳушаъ ончунон амал
намуд: аз ҳар амре ки Худованд ба Мусо фармуда буд, чизеро ботил
нанамуд+.
16 Ва Еҳушаъ тамоми ин заминро: кӯҳистон ва тамоми ҷануб ва
тамоми замини Ҷӯшан, ва пастӣ, ва саҳро, ва кӯҳи Исроил ва пастии
онро гирифт:
17 Аз кӯҳи Ҳолок, ки сӯи Сеир баланд шуда меравад, то Баал-Ҷод,
ки дар водии Лубнон, зери кӯҳи Ҳермӯн аст; ва ҳамаи подшоҳони
онҳоро дастгир намуда, зарба зад ва кушт.
18 Айёми дуру дароз Еҳушаъ бо ҳамаи ин подшоҳон ҷанг кард.
19 Шаҳре набуд, ки бо банӣ-Исроил сулҳ баста бошад, ҷуз аз
ҳиввиёне ки дар Ҷибъӯн сокин буданд; ҳамаро бо ҷанг гирифтанд+.
20 Зеро аз ҷониби Худованд буд, ки дили онҳоро сахт кунад, то ки
онҳо Исроилро бо ҷанг пешвоз гирифта, худашон несту нобуд
шаванд, бе он ки нисбат ба онҳо шафқат нишон дода шавад, балки
онҳоро тамоман маҳв созанд, чунон ки Худованд ба Мусо амр
фармуда буд+.
21 Ва Еҳушаъ дар айни замон омада, аноқиёнро аз кӯҳистон: аз
Ҳебрӯн, Дабир ва Аноб, ва аз ҳамаи кӯҳҳои Яҳудо, ва аз ҳамаи кӯҳҳои
Исроил маҳв намуд; онҳоро Еҳушаъ бо якҷоягии шаҳрҳошон несту
нобуд кард+.
22 Дар замини банӣ-Исроил касе аз аноқиён боқӣ намонд; фақат
дар Ғазза, Ҷат ва Ашдӯд боқӣ монданд+.
23 Ва Еҳушаъ тамоми заминро бар тибқи ҳар он чи Худованд ба
Мусо гуфта буд, мусаххар намуд, ва Еҳушаъ онро ба исроилиён

мувофиқи тақсимоти сибтҳошон ба моликият бахшид; ва замин аз ҷанг ором ёфт+.

## Номгӯи подшоҳоне ки зердаст шуданд.

**12** 1 Ва инҳоянд подшоҳони он замин, ки банӣ-Исроил торумор
карда, заминашонро дар он тарафи Урдун ба самти тулӯи
офтоб, аз водии Арнӯн то кӯҳи Ҳермӯн ва тамоми саҳрои шарқӣ ба
тасарруфи худ даровარданд:
2 Сиҳӯн, подшоҳи амӯриён, ки дар Ҳешбӯн сокин буд, ва аз Арӯэр,
ки дар канори водии Арнӯн аст, ва андаруни водӣ ва нисфи Ҷилъод
то водии Яббӯқ, ки дар сарҳади банӣ-Аммӯн аст, салтанат меронд,+
3 Ва дар саҳро низ то баҳри Кинерӯт ба тарафи шарқ, ва то баҳри
биёбон, яъне баҳри Намак, ба тарафи шарқ ба роҳи Байт-Ешимӯт, ва
аз ҷануб — зери нишебиҳои Фисҷа,
4 То сарҳади Ӯҷ, подшоҳи Бошон, ки вай аз бақияи рафоиён буда,
дар Ашторӯт ва Эдрей сукунат дошт,+
5 Ва дар кӯҳи Ҳермӯн ва Салхо ва тамоми Бошон, то сарҳади
ҷашуриён ва маъхотиён, ва дар нисфи Ҷилъод, то сарҳади Сиҳӯн,
подшоҳи Ҳешбӯн, салтанат меронд.
6 Мусо, бандаи Худованд, ва банӣ-Исроил онҳоро зарба заданд; ва
онро Мусо, бандаи Худованд, ба реубениён ва ҷодиён ва нисфи сибти
Менашше ба моликият бахшид+.
7 Ва инҳоянд подшоҳони он замин, ки Еҳушаъ ва банӣ-Исроил
онҳоро дар он тарафи Урдун ба самти ғарб, аз Баал-Ҷод дар водии
Лубнон то кӯҳи Ҳолоқ, ки сӯи Сеир баланд шуда меравад, торумор
карданд, ва Еҳушаъ онро ба сибтҳои Исроил мувофиқи
тақсимоташон ба моликият бахшид, —
8 Дар кӯҳистон ва пастӣ ва саҳро ва нишебиҳо ва биёбон ва дар
ҷануб — ҳиттиён, амӯриён ва канъониён, фариззиён, ҳиввиён ва
ябусиён:
9 Як подшоҳи Ериҳӯ; як подшоҳи Ой, ки дар наздикии Байт-Ил аст;
10 Як подшоҳи Ерусалим; як подшоҳи Ҳебрӯн;
11 Як подшоҳи Ярмут; як подшоҳи Лохиш;
12 Як подшоҳи Эҷлӯн; як подшоҳи Ҷозар;
13 Як подшоҳи Дабир; як подшоҳи Ҷодар;
14 Як подшоҳи Ҳормо; як подшоҳи Арод;
15 Як подшоҳи Либно; як подшоҳи Адуллом;
16 Як подшоҳи Маққедо; як подшоҳи Байт-Ил;

17 Як подшоҳи Тафуҳа; як подшоҳи Ҳефар;
18 Як подшоҳи Афиқ; як подшоҳи Лашшорӯн;
19 Як подшоҳи Модӯн; як подшоҳи Ҳосӯр;
20 Як подшоҳи Шимрӯн-Марӯн; як подшоҳи Акшоф;
21 Як подшоҳи Таънок; як подшоҳи Маҷиддӯ;
22 Як подшоҳи Қодеш; як подшоҳи Ёқенъом дар Кармил;
23 Як подшоҳи Дӯр дар Нофат-Дӯр; як подшоҳи ҷӯим дар Ҷилҷол;
24 Як подшоҳи Тирсо; ҷамъи подшоҳон сию як нафар.

## Худованд ба Еҳушаъ ибни Нун дар бораи тақсимоти замин дастурот медиҳад.

13 1 Ва Еҳушаъ пир ва солхӯрда шуд, ва Худованд ба ӯ гуфт: «Ту
пир ва солхӯрда шудаӣ, ва ҳанӯз замини бағоят бисьёр барои
тасарруф кардан боқист.
2 Ин аст замине ки боқӣ мондааст: ҳамаи ноҳияҳои фалиштиён ва
ҳамаи ҷашуриён,
3 Аз Шиҳӯр, ки дар рӯ ба рӯи Миср аст, то сарҳади Эқрӯн ба самти
шимол, ки аз они Канъон ба шумор меравад; панҷ ҳокими
фалиштиён: аз они Ғазза, аз они Ашдӯд, аз они Ашқалӯн, аз они Ҷат,
аз они Эқрӯн ва аз они аввиён;+
4 Аз ҷануб тамоми замини канъониён, ва Маоро, ки аз они
сидӯниён аст, то Афиқ ва то сарҳади амӯриён;
5 Ва кишвари Ҷабал, ва тамоми Лубнон ба самти тулӯи офтоб, аз
Баал-Ҷод, ки дар домани кӯҳи Ҳермӯн аст, то даромадгоҳи Ҳамот+.
6 Ҳамаи сокинони кӯҳистонро аз Лубнон то Мисрефӯт-Маим, яъне
ҳамаи сидӯниёнро Ман аз пеши банӣ-Исроил бадар хоҳам ронд;
лекин ту онро ба исроилиён қуръа партофта барои моликият тақсим
намо, чунон ки ба ту амр фармудаам.
7 Ва алҳол ин заминро ба нӯҳ сибт ва нисфи сибти Менашше барои
моликият тақсим намо».
8 Бо нисфи дигари ин сибт сибтҳои Реубен ва Ҷод моликияти
худро гирифтаанд: онро Мусо ба онҳо дар он тарафи Урдун, ба самти
шарқ, додааст, чунон ки Мусо, бандаи Худованд, онро ба онҳо
бахшида буд,+
9 Аз Арӯэр, ки дар канори водии Арнӯн аст, ва шаҳре ки андаруни
водӣ мебошад, ва тамоми дашт аз Мидбо то Дибӯн,+
10 Ва ҳамаи шаҳрҳои Сиҳӯн, подшоҳи амӯриён, ки дар Ҳешбӯн
подшоҳӣ мекард, то сарҳади банӣ-Аммӯн,
11 Ва Ҷилъод ва замини ҷашуриён ва маъхотиён ва тамоми кӯҳи
Ҳермӯн ва тамоми Бошон то Салхо;
12 Тамоми мамлакати Ӯҷи бошонӣ, ки дар Ашторӯт ва Эдрей
подшоҳӣ мекард, — ӯ аз бақияи рафоиён буд, ва онҳоро Мусо зарба
зада, бадар ронда буд+.

13 Валекин банӣ-Исроил ҷашуриён ва маъхогиёнро бадар
наронданд; ва ҷашуриён ва маъхотиён то имрӯз дар миёни
исроилиён сукунат доранд+.
14 Фақат ба сибти Левӣ ӯ моликияте набахшид: қурбониҳои
Худованд Худои Исроил моликияти ӯст, чунон ки ба ӯ гуфта буд+.
15 Ва Мусо ба хонадони банӣ-Реубен мувофиқи қабилаҳои онҳо
дод,
16 Ва худуди онҳо аз Арӯэр буд, ки дар канори водии Арнӯн аст, ва
шаҳре ки андаруни водӣ мебошад, ва тамоми дашт то Мидбо,
17 Ҳешбӯн ва ҳамаи шаҳрҳояш, ки дар дашт воқеъ аст: Дибӯн ва
Бомӯт-Баал ва Байт-Баал-Маӯн,
18 Ва Яҳсо ва Қадимӯт ва Мифоат,
19 Ва Қирьётоим ва Сибмо ва Сорат-Шаҳар, ки дар кӯҳи Эмак аст,
20 Ва Байт-Фаӯр ва домани Фисҷа ва Байт-Ешимӯт,
21 Ва ҳамаи шаҳрҳои дашт ва тамоми мамлакати Сихӯн, подшоҳи
амӯриён, ки дар Ҳешбӯн подшоҳӣ мекард, ва Мусо ӯ ва раисони
Мидьёнро: Эвӣ ва Роқам ва Сур ва Ҳур ва Робаъро, ки ин мирони
Сиҳӯн дар он замин сокин буданд, маҳв намуда буд;+
22 Ва Билъом ибни Баӯрро, ки ҷодугар буд, банӣ-Исроил дар
миёни куштагони худ кушта буданд+.
23 Ва сарҳади банӣ-Реубен Урдун ва ҳудуди он буд; ҳамин аст
моликияти банӣ-Реубен мувофиқи қабилаҳои онҳо, яъне шаҳрҳо бо
деҳоти онҳо.
24 Ва Мусо ба хонадони Ҷод, яъне ба банӣ-Ҷод, мувофиқи
қабилаҳои онҳо бахшид,
25 Ва ҳудуди онҳо чунин буд: Яъзир ва ҳамаи шаҳрҳои Ҷилъод ва
нисфи замини банӣ-Аммӯн то Арӯэр, ки дар рӯ ба рӯи Рабба
мебошад;
26 Ва аз Ҳешбӯн то Ромот-Мисфо ва Батӯним, ва аз Маҳаноим то
сарҳади Дабир;
27 Ва дар водӣ: Байт-Ҳором ва Байт-Нимро ва Суккӯт ва Софӯн,
бақияи мамлакати Сиҳӯн, подшоҳи Ҳешбӯн, Урдун ва ҳудуди он, то
канори баҳри Кинерет, дар он тарафи Урдун ба самти шарқ;
28 Ҳамин аст моликияти банӣ-Ҷод мувофиқи қабилаҳои онҳо,
яъне шаҳрҳо бо деҳоти онҳо.

29 Ва Мусо ба нисфи сибти Менашше бахшид, ва ин барои нисфи
хонадони банӣ-Менашше мувофиқи қабилаҳои онҳо буд,
30 Ва ҳудуди онҳо чунин буд: аз Маҳаноим тамоми Бошон, тамоми
мамлакати Ӯҷ, подшоҳи Бошон, ва тамоми деҳоти Ёир, ки дар Бошон
аст, шаст шаҳр+.
31 Ва нисфи Ҷилъод, ва Ашторӯт ва Эдрей, шаҳрҳои мамлакати Ӯҷ
дар Бошон, барои писарони Мокир ибни Менашше, барои нисфи
банӣ-Мокир мувофиқи қабилаҳон онҳо буд+.
32 Ҳамин аст моликияте ки Мусо дар саҳрои Мӯоб, аз он тарафи
Урдун назди Ериҳӯ ба самти шарқ бахшида буд.
33 Вале ба сибти Левӣ Мусо ҳеҷ мулке надодааст: Худованд Худои
Исроил мулки онҳост, чунон ки Ӯ ба онҳо гуфтааст+.

## Тақсимоти замин; ҳиссаи Колеб.

**14** [1] Ва инҳост моликияте ки банӣ-Исроил дар замини Канъон
гирифтанд, ки онро ба онҳо Элъозори коҳин ва Еҳушаъ ибни
Нун ва сарнаслҳои хонадонҳои банӣ-Исроил тақсим карданд+.
[2] Моликияти онҳо барои нӯҳ хонадон ва нисфи хонадон мувофиқи
қуръа тақсим карда шуд, чунон ки Худованд ба воситаи Мусо амр
фармуда буд+.
[3] Зеро ки Мусо моликияти ду хонадон ва нисфи хонадонро аз он
тарафи Урдун дода буд, вале ба левизодагон дар миёни онҳо
моликият надода буд;+
[4] Зеро ки банӣ-Юсуф ду хонадон буданд: Менашше ва Эфроим; ва
онҳо ба левизодагон дар замин ҳеҷ ҳиссае надоданд, балки фақат
шаҳрҳоро барои сукунаташон ва ҳаволии онҳоро барои чорво ва
молашон+.
[5] Чунон ки Худованд ба Мусо амр фармуда буд, банӣ-Исроил
ончунон амал намуда, заминро тақсим карданд.
[6] Ва банӣ-Яҳудо дар Ҷилҷол назди Еҳушаъ омаданд, ва Колеб ибни
Ефуннеи қеназзӣ ба ӯ гуфт: «Суханеро, ки Худованд ба Мусо, марди
Худо, дар бораи ман ва дар бораи ту дар Қодеш-Барнеа гуфта буд, ту
медонӣ;+
[7] Ман чилсола будам, вақте ки Мусо, бандаи Худованд, маро аз
Қодеш-Барнеа барои ҷосусии замин фиристод, ва ман ба ӯ ҷавобе
гардондам, чунон ки дар дилам буд;
[8] Вале бародаронам, ки бо ман рафта буданд, дар дили қавм
воҳима андохтанд, ва ҳол он ки ман Худованд Худои худро ба куллӣ
пайравӣ намудам;+
[9] Ва дар он рӯз Мусо қасам хӯрда, гуфт: „Ҳатман замине ки
қадамат ба он расидааст, барои ту ва фарзандонат моликияти абадӣ
хоҳад шуд, зеро ки ту Худованд Худои худро ба куллӣ пайравӣ
намудаӣ“;+
[10] Ва алҳол, инак Худованд, чунон ки гуфта буд, ин чилу панҷ сол
боз маро зинда нигоҳ доштааст, аз он замоне ки Худованд ин суханро
ба Мусо гуфта буд, яъне аз замоне ки исроилиён дар биёбон роҳ
мепаймуданд, ва алҳол инак ман имрӯз ҳаштоду панҷсола ҳастам;

[11] Имрӯз ман ҳанӯз бақувват ҳастам, мисли он рӯзе ки Мусо маро
фиристода буд; чунон ки кувватам он вақт буд, ончунон алҳол
кувватам ҳаст, хоҳ барои ҷанг кардан ва хоҳ барои берун рафтан ва
омадан;
[12] Ва алҳол ту ин кӯҳистонро ба ман бидеҳ, ки дар он рӯз Худованд
дар бораи он гуфта буд; зеро ту дар он рӯз шунидӣ, ки анокиён он ҷо
ҳастанд, ва шаҳрҳояш бузург ва ҳисордор аст; шояд, Худованд бо ман
бошад, ва ман онҳоро бадар ронам, чунон ки Худованд гуфтааст»**+**.
[13] Ва Еҳушаъ ӯро баракат дод, ва Ҳебрӯнро ба Колеб ибни Ефунне
ҳамчун моликият бахшид.
[14] Бинобар ин Ҳебрӯн то имрӯз моликияти Колеб ибни Ефуннеи
қеназзӣ шудааст, чунки ӯ Худованд Худои Исроилро ба куллӣ
пайравӣ намудааст.
[15] Ва номи Ҳебрӯн пештар Қирьят-Арбаъ буд, ки ӯ одами
бузургтарин дар миёни анокиён буд. Ва замин аз ҷанг ором ёфт**+**.

## Мулки Яҳудо ва сарҳадҳои он.

15
[1] Ва қуръа барои хонадони банӣ-Яҳудо, мувофиқи қабилаҳои
онҳо, назди сарҳади Адӯм, яъне биёбони Син, ба тарафи ҷануб,
аз охири ҷануб афтод.
[2] Ва сарҳади ҷанубии онҳо аз охири баҳри Намак, аз халиҷе ки ба
тарафи ҷануб паҳн шуда меравад, буд.
[3] Ва дар ҷануб он сӯи баландии Ақрабим берун омада, ба Син
мегузашт, ва аз тарафи ҷанубӣ ба Қодеш-Барнеа баромада, аз Ҳесрӯн
мегузашт, ва ба Аддоро баромада, ба самти Қарқоъ мегашт.
[4] Ва аз Асмӯн гузашта, ба водии Миср берун меомад, ва интиҳои
ин ҳудуд баҳр буд; ин сарҳади ҷанубии шумо хоҳад буд+.
[5] Ва сарҳади шарқӣ баҳри Намак то охири Урдун буд; ва сарҳади
тарафи шимол аз халиҷи баҳр, аз резишгоҳи Урдун буд.
[6] Ва сарҳад сӯи Байт-Ҳоҷло баромада, аз шимоли Байт-Аробо
мегузашт; ва сарҳад сӯи санги Бӯҳан, писари Реубен, мебаромад+.
[7] Ва сарҳад аз водии Охӯр сӯи Дабир мебаромад, ва дар шимол ба
тарафи Ҷилҷол мегашт, ки он дар рӯ ба рӯи Маале-Адумим, дар
ҷануби водӣ воқеъ буд; ва сарҳад аз пеши обҳои Эйн-Шемеш
мегузашт, ва интиҳои он назди Эйн-Рӯҷил буд.
[8] Ва сарҳад сӯи дараи Бен-Ҳиннӯм, аз ҷануби барҷастагии Ябусӣ,
ки Ерусалим бошад, мебаромад; ва сарҳад сӯи қуллаи кӯҳ мебаромад,
ки он ба самти ғарб дар рӯ ба рӯи дараи Ҳиннӯм ва ба самти шимол
дар охири водии Рафоим воқеъ буд.
[9] Ва сарҳад аз қуллаи кӯҳ сӯи чашмаи обҳои Нефтӯҳа гашта, назди
шаҳрҳои кӯҳи Эфрӯн берун меомад; ва сарҳад сӯи Баал, ки Қирьят-
Еорим бошад, мегашт.
[10] Ва сарҳад аз Баал ба самти ғарб сӯи кӯҳи Сеир мегашт, ва аз
тарафи шимол сӯи барҷастагии кӯҳи Еорим, ки Касолӯн бошад,
мегузашт, ва сӯи Байт-Шемеш фурӯд омада, аз Тимно мегузашт.
[11] Ва сарҳад ба тарафи шимол сӯи барҷастагии Экрӯн берун
меомад; ва сарҳад ба самти Шикрӯн мегашт, ва аз кӯҳи Баал гузашта,
назди Ябнаил берун меомад; ва интиҳои сарҳад баҳр буд.
[12] Ва сарҳади ғарбӣ баҳри Бузург буд; ва ин аст ҳудуди банӣ-Яҳудо
аз ҳар тараф мувофиқи қабилаҳои онҳо.

13 Ва ба Колеб ибни Ефунне, бар тибқи он чи Худованд ба Еҳушаъ
гуфта буд, ӯ дар миёни банӣ-Яҳудо ҳиссае, яъне падари аноқиён
Қирьят-Арбаъро дод, ки Ҳебрӯн бошад+.
14 Ва Колеб се писари Аноқ: Шешай, Аҳиман ва Талмайро, ки
зодагони Аноқ буданд, аз он ҷо бадар ронд+.
15 Ва аз он ҷо бар зидди сокинони Дабир баромад; ва номи Дабир
пештар Қирьят-Сефер буд+.
16 Ва Колеб гуфт: «Касе ки ба Қирьят-Сефер шикаст расонад ва
онро бигирад, духтари худ Аксоро ба вай ба занӣ хоҳам дод»+.
17 Ва Отниил ибни Қеназ, додари Колеб, онро гирифт, ва ӯ духтари
худ Аксоро ба вай ба занӣ дод.
18 Ва чун духтар назди вай омад, варо моил намуд, ки ӯ аз падари
худ киштзоре биталабад, ва ӯ аз болои хар фурӯд омад; ва Колеб ба ӯ
гуфт: «Ту чӣ мехоҳӣ?»
19 Ва ӯ гуфт: «Ба ман баракате бидеҳ, зеро ки замини ҷанубиро ту
ба ман додаӣ, пас чашмаҳои обро ҳам ба ман бидеҳ». Ва Колеб
чашмаҳои боло ва чашмаҳои поёнро ба ӯ дод+.
20 Ин аст мулки хонадони банӣ-Яҳудо мувофиқи қабилаҳои онҳо.
21 Ва шаҳрҳои интиҳоии хонадони банӣ-Яҳудо назди сарҳади
Адӯм дар ҷануб инҳо буданд: Қабсаил, Эдер ва Ёҷур,
22 Қино, Димӯна ва Адъодо,
23 Қодеш, Ҳосӯр ва Итнон,
24 Зиф, Телем ва Баалӯт,
25 Ҳосӯр-Ҳадатто, Қарийӯт, Ҳесрӯн, ки Ҳосӯр бошад,
26 Амом, Шамаъ ва Мӯлодо,
27 Ҳасар-Ҷаддо, Ҳешмӯн ва Байт-Полот,
28 Ҳасар-Шуол, Беэр-Шобаъ ва Бизйӯтьё,
29 Баал, Ийим ва Осам,
30 Элтӯлад, Касил ва Ҳормо,
31 Сиклаг, Мадманно ва Сансанно,
32 Лебоӯт, Шилҳим, Айин ва Риммӯн, — ҷамъ бисту нӯҳ шаҳр бо
деҳоташон.
33 Дар пастӣ: Эштоӯл, Соръо ва Ашно,
34 Зонӯҳа, Эйн-Ҷанним, Тапуҳа ва Эном,
35 Ярмут, Адуллом, Сӯхӯ ва Азеқо,

36 Шаароим, Адитоим, Ҷадиро ва Ҷадирӯтоим, — чордаҳ шаҳр бо
деҳоташон.
37 Санон, Ҳадошо ва Мичдал-Ҷод,
38 Дилъон, Мисфо ва Ёқтаил,
39 Лохиш, Босқат ва Эҷлӯн,
40 Каббӯн, Лаҳмос ва Китлиш,
41 Ҷадирӯт, Байт-Доҷӯн, Наамо ва Маққедо, — шонздаҳ шаҳр бо
деҳоташон.
42 Либно, Этер ва Ошон,
43 Ифтоҳ, Ашно ва Насиб,
44 Қаило, Акзиб ва Морешо, — нӯҳ шаҳр бо деҳоташон.
45 Эқрӯн бо қасабаҳо ва деҳоти он.
46 Аз Эқрӯн то баҳр ҳар он чи назди Ашдӯд бо деҳоти онҳо буд.
47 Ашдӯд, қасабаҳо ва деҳоти он, Ғазза, қасабаҳо ва деҳоти он, то
водии Миср ва баҳри Бузург ва соҳили он.
48 Ва дар кӯҳистон: Шомир, Яттир ва Сӯхӯ,
49 Данно, Қирьят-Санно, ки Дабир бошад,
50 Аноб, Эштемӯ ва Оним,
51 Ҷӯшан, Ҳӯлӯн ва Ҷилӯ, — ёздаҳ шаҳр бо деҳоташон.
52 Ароб, Думо ва Эшъон,
53 Ёнум, Байт-Тапуҳа ва Афиқо,
54 Ҳумто, Қирьят-Арбаъ, ки Ҳебрӯн бошад, ва Сиӯр, — нӯҳ шаҳр бо
деҳоташон.
55 Моӯн, Кармил, Зиф ва Ютто,
56 Изреъил, Ёқдаом ва Зонӯҳа,
57 Қайин, Ҷибъо ва Тимно, — даҳ шаҳр бо деҳоташон.
58 Ҳалҳул, Байт-Сур ва Ҷадӯр,
59 Маарот, Байт-Анӯт ва Элтақӯн, — шаш шаҳр бо деҳоташон.
60 Қирьят-Баал, ки Қирьят-Еорим бошад, ва Ҳораббо, — ду шаҳр бо
деҳоташон.
61 Дар биёбон: Байт-Аробо, Миддин ва Сахохо,
62 Нибшон, Ир-Мелаҳ ва Эйн-Ҷадӣ, — шаш шаҳр бо деҳоташон.
63 Вале ябусиёнро, ки сокинони Ерусалим буданд, банӣ-Яҳудо
натавонистанд бадар ронанд; ва ябусиён бо банӣ-Яҳудо то имрӯз дар
Ерусалим сокинанд+.

## Мулки Менашше ва Эфроим.

**16** [1] Ва қуръа барои банӣ-Юсуф аз Урдуни назди Ериҳӯ, ба
тарафи шарқии обҳои Ериҳӯ, ба самти биёбоне ки аз Ериҳӯ сӯи
кӯҳи Байт-Ил мебарояд, афтод.
[2] Ва аз Байт-Ил сӯи Луз берун омада, ба ҳудуди Аркӣ то Аторӯт
мегузашт,+
[3] Ва ба самти ғарб ба ҳудуди Яфлетӣ, то сарҳади Байт-Ҳӯрӯни поён
ва то Ҷозар фурӯд меомад, ва интиҳои он баҳр буд.
[4] Ва банӣ-Юсуф, Менашше ва Эфроим, мулки худро гирифтанд.
[5] Ва ҳудуди банӣ-Эфроим мувофиқи қабилаҳои онҳо чунин буд, ва
сарҳади мулки онҳо ба тарафи шарқ Атрӯт-Аддор то Байт-Ҳӯрӯни
боло буд.
[6] Ва сарҳад ба самти ғарб аз шимоли Михматот берун меомад, ва
сарҳад ба тарафи шарқии Таанат-Шилӯ мегашт, ва аз ҷониби шарқии
Ёнӯҳо аз он мегузашт.
[7] Ва аз Ёнӯҳо сӯи Аторӯт ва Наарото фурӯд меомад, ва ба Ериҳӯ
расида, ба Урдун мепайваст.
[8] Ва сарҳад ба тарафи ғарб аз Тапуҳа ба водии Қоно мерафт, ва
интиҳои он баҳр буд; ин аст мулки хонадони банӣ-Эфроим
мувофиқи қабилаҳои онҳо;
[9] Илова бар шаҳрҳое ки барои банӣ-Эфроим андаруни мулки
банӣ-Менашше ҷудо карда шуда буд; ҳамаи шаҳрҳо бо деҳоти онҳо
буд.
[10] Валекин канъониёнеро, ки дар Ҷозар сокин буданд, бадар
нарониданд; ва канъониён то имрӯз дар миёни эфроимиён сокинанд
ва хироҷгузори меҳнатӣ мебошанд+.

## Мулки сибтҳои Менашше ва Эфроим.

17 1 Ва куръа барои хонадони Менашше чунин афтод, зеро ки ӯ
нахустзодаи Юсуф буд; ба Мокир, нахустзодаи Менашше, падари
Ҷилъод, азбаски марди ҷангӣ буд, Ҷилъод ва Бошон расид+.
2 Ва ба писарони дигари Менашше мувофиқи қабилаҳои онҳо
ҳиссае расид, чунончи: ба писарони Абиэзер, ба писарони Ҳелеқ, ба
писарони Асриил, ба писарони Шекем, ба писарони Ҳефер ва ба
писарони Шамидоъ; инҳо писарони Менашше ибни Юсуф, яъне
ҷинси мардони онҳо, мувофиқи қабилаҳошон мебошанд+.
3 Вале Селофҳод ибни Ҳефер ибни Ҷилъод ибни Мокир ибни
Менашше писар не, балки духтар дошт, ва инҳост номҳои
духтаронаш: Маҳло, Нӯо, Ҳоҷло, Милко ва Тирсо+.
4 Ва онҳо пеши Элъозори коҳин ва пеши Еҳушаъ ибни Нун ва пеши
раисон наздик омада, гуфтанд: «Худованд ба Мусо амр фармудааст,
ки ба мо мулке дар миёни бародаронамон бидиҳад». Ва ба онҳо бар
тибқи амри Худованд мулке дар миёни бародарони падарашон дода
шуд.
5 Ва ба Менашше, ғайр аз замини Ҷилъод ва Бошон, ки дар он
тарафи Урдун аст, даҳ қитъа расид;
6 Зеро ки духтарони Менашше мулке дар миёни писарони ӯ
гирифтанд, ва замини Ҷилъод ба писарони дигари Менашше расид.
7 Ва сарҳади Менашше аз Ошер сӯи Михматот мерафт, ки он дар рӯ
ба рӯи Шакем аст; ва сарҳад ба тарафи рост сӯи сокинони Эйн-Тапуҳа
мерафт.
8 Замини атрофи Тапуҳа аз они Менашше буд, вале худи Тапуҳа,
ки назди сарҳади Менашше буд, ба банӣ-Эфроим расид.
9 Ва сарҳад сӯи водии Қоно, ба тарафи ҷанубии водӣ фурӯд
меомад; ин шаҳрҳо дар миёни шаҳрҳои Менашше ба эфроимиён
расид; ва сарҳади Менашше аз шимоли водӣ буд, ва интиҳои он баҳр
буд.
10 Тарафи ҷанубӣ аз они Эфроим ва тарафи шимолӣ аз они
Менашше буда, баҳр сарҳади онҳо буд; ва онҳо аз шимол ба Ошер, ва
аз шарқ ба Иссокор ҳамҳудуд буданд.
11 Ва ба Менашше дар мулкҳои Иссокор ва Ошер инҳо тааллуқ
дошт: Байт-Шаон ва қасабаҳояш, Иблеом ва қасабаҳояш, сокинони

Дӯр ва қасабаҳояш, сокинони Эйн-Дӯр ва қасабаҳояш, сокинони
Таънок ва қасабаҳояш, сокинони Маҷиддӯ ва қасабаҳояш, — ин се
ноҳияи кӯҳӣ.
12 Вале банӣ-Менашше сокинони ин шаҳрҳоро натавонистанд
бадар ронанд, ва канъониён азм карданд ки дар ин замин сокин
бошанд+.
13 Ва чун банӣ-Исроил қувват гирифтанд, он гоҳ канъониёнро
хироҷгузор гардониданд, валекин онҳоро бадар наронданд.
14 Ва банӣ-Юсуф ба Еҳушаъ сухан ронда, гуфтанд: «Чаро бар тибқи
як қуръа мулкеро бо як қитъае ба ман додаӣ, ва ҳол он ки ман қавми
сершумор ҳастам, чунки Худованд маро то ин дараҷа баракат
додааст»+.
15 Ва Еҳушаъ ба онҳо гуфт: «Агар ту қавми сершумор бошӣ, ба
ҷангал баро ва дар он ҷо, дар замини фариззиён ва рафоиён барои
худ маконе тоза намо, зеро ки кӯҳи Эфроим барои ту танг аст».
16 Ва банӣ-Юсуф гуфтанд: «Кӯҳистон барои мо кифоят намекунад;
ва ҳамаи канъониёне ки дар замини водӣ сокинанд, аробаҳои
оҳанин доранд, чи онҳое ки дар Байт-Шаон ва қасабаҳояш, ва чи
онҳое ки дар водии Изреъил мебошанд»+.
17 Ва Еҳушаъ ба хонадони Юсуф, ба Эфроим ва Менашше сухан
ронда, гуфт: «Ту қавми сершумор ҳастӣ, ва қуввати бузурге дорӣ, пас
мулки ту бар тибқи як қуръа нахоҳад буд,
18 Балки кӯҳистон аз они ту хоҳад буд, ҷангалро низ ту барои худ
тоза хоҳӣ кард, ва он то ақсояш аз они ту хоҳад буд, зеро ки
канъониёнро бадар хоҳӣ ронд, агарчи аробаҳои оҳанин доранд,
агарчи зӯроваранд».

## Хаймаи ҷомеъ дар Шилӯ барқарор карда шуд.

## Тақсимоти заминҳои боқӣ дар миёни ҳафт сибт.

**18** [1] Ва тамоми ҷамоати банӣ-Исроил дар Шилӯ ҷамъ шуда, дар
он ҷо хаймаи ҷомеъро барқарор карданд; ва кишварро онҳо
мусаххар карда буданд+.
[2] Ва дар миёни банӣ-Исроил ҳафт сибт боқӣ монданд, ки ҳанӯз
мулки худро тақсим накарда буданд.
[3] Ва Еҳушаъ ба банӣ-Исроил гуфт: «То ба кай шумо бепарвогӣ
мекунед дар он ки рафта заминеро, ки Худованд Худои падаронатон
ба шумо додааст, тасарруф намоед?
[4] Аз ҷониби худ се нафарро аз ҳар сибт бидиҳед, то ки ман онҳоро
бифиристам, ва онҳо бархоста, дар замин гардиш кунанд, ва онро бар
тибқи тақсимоти мулкҳо тасвир намоянд, ва назди ман биёянд.
[5] Бигзор онро ба ҳафт ҳисса тақсим кунанд; Яҳудо дар ҳудуди худ
аз ҷануб хоҳад монд, ва хонадони Юсуф дар ҳудуди худ аз шимол
хоҳанд монд.
[6] Ва шумо ҳафт ҳиссаи заминро тасвир намуда, назди ман ба ин ҷо
биёред, ва ман дар ин ҷо ба ҳузури Худованд Худои мо барои шумо
қуръа хоҳам партофт.
[7] Зеро ки левизодагон дар миёни шумо ҳиссае надоранд, чунки
каҳонати Худованд насибаи онҳост; ва Ҷод ва Реубен ва нисфи сибти
Менашше мулки худро аз он тарафи Урдун, яъне аз ҷониби шарқии
он гирифтаанд, ки онро Мусо, бандаи Худованд, ба онҳо дода буд»+.
[8] Ва он одамон бархоста рафтанд; ва Еҳушаъ ба онҳое ки барои
тасвир кардани замин мерафтанд, амр фармуда, гуфт: «Рафта дар
замин гардиш кунед ва онро тасвир намуда, назди ман баргардед, ва
ман дар ин ҷо ба ҳузури Худованд, дар Шилӯ, барои шумо қуръа
хоҳам партофт».
[9] Ва он одамон рафта, заминро тай карданд ва онро бар тибқи
шаҳрҳо ба ҳафт ҳисса дар дафтаре тасвир намуданд, ва назди Еҳушаъ
ба бошишгоҳи Шилӯ омаданд.
[10] Ва Еҳушаъ барои онҳо дар Шилӯ ба ҳузури Худованд қуръа
партофт, ва дар он ҷо Еҳушаъ заминро ба банӣ-Исроил бар тибқи
тақсимоташон тақсим кард.

[11] Ва қуръа барои хонадони банӣ-Биньёмин мувофиқи қабилаҳои
онҳо афтод, ва ҳудуди онҳо аз рӯи қуръа дар мобайни банӣ-Яҳудо ва
банӣ-Юсуф баромад.
[12] Ва сарҳади онҳо дар тарафи шимол аз Урдун буд, ва сарҳад аз
шимол сӯи барҷастагии Ериҳӯ мебаромад, ва дар ғарб сӯи кӯҳистон
боло мерафт, ва интиҳояш биёбони Байт-Овин буд.
[13] Ва аз он ҷо сарҳад сӯи Луз, яъне ба тарафи барҷастагии ҷанубии
Луз, ки Байт-Ил бошад, гузашта мерафт, ва сарҳад сӯи Атрӯт-Аддор,
ба тарафи кӯҳе ки аз ҷануби Байт-Ҳӯрӯни поён воқеъ аст, фурӯд
меомад.
[14] Ва сарҳад дар тарафи ғарб аз кӯҳе ки дар рӯ ба рӯи Байт-Ҳӯрӯни
ҷанубӣ воқеъ аст, давр зада мегашт, ва интиҳояш назди Қирьят-Баал
буд, ки Қирьят-Еорим, шаҳри банӣ-Яҳудо бошад; ин тарафи ғарбист.
[15] Ва тарафи ҷанубӣ аз канори Қирьят-Еорим буд; ва сарҳад ба
самти ғарб мерафт, ва ба чашмаи обҳои Нефтӯҳа мерасид.
[16] Ва сарҳад ба домани кӯҳе ки дар рӯ ба рӯи дараи Бен-Ҳиннӯм,
дар шимоли водии Рафоим воқеъ аст, фурӯд меомад, ва ба дараи
Ҳиннӯм сӯи барҷастагии ҷанубии ябусиён мерафт, ва ба Эйн-Рӯҷил
фурӯд меомад.
[17] Ва аз шимол гашта, ба Эйн-Шемеш мебаромад, ва сӯи Ҷалилӯт,
ки дар рӯ ба рӯи Маале-Адумим аст, мерафт, ва ба санги Бӯҳан,
писари Реубен, фурӯд меомад+.
[18] Ва аз барҷастагии рӯ ба рӯи саҳро ба тарафи шимол гузашта, ба
саҳро фурӯд меомад.
[19] Ва сарҳад аз барҷастагии Байт-Ҳоҷло ба тарафи шимол
мегузашт, ва интиҳои сарҳад халиҷи шимолии баҳри Намак, дар
интиҳои ҷанубии Урдун буд; ин сарҳади ҷанубист.
[20] Ва ба тарафи шарқ Урдун сарҳади он буд; мулки банӣ-Биньёмин
бо сарҳадҳои он аз ҳар тараф, мувофиқи қабилаҳои онҳо, ҳамин буд.
[21] Ва шаҳрҳои хонадони банӣ-Биньёмин, мувофиқи қабилаҳои
онҳо, инҳо буданд: Ериҳӯ, Байт-Ҳоҷло ва Эмеқ-Қасис,
[22] Байт-Аробо, Самораим ва Байт-Ил,
[23] Аввим, Форо ва Офро,
[24] Кефар-Аммӯно, Офнӣ ва Ҷабаъ, — дувоздаҳ шаҳр бо деҳоташон.
[25] Ҷибъӯн, Ромо ва Беэрӯт,
[26] Мисфо, Кефиро ва Мӯссо,

27 Роқам, Ирпаил ва Таръало,
28 Селаъ, Олаф, Ябусӣ, ки Ерусалим бошад, Ҷибъат ва Қирьят, —
чордаҳ шаҳр бо деҳоташон; ин аст мулки банӣ-Биньёмин мувофиқи
қабилаҳои онҳо+.

## Мулки шаш сибти дигар.

19 1 Ва қуръаи дуюм барои Шимъӯн, яъне барои хонадони банӣ-
Шимъӯн мувофиқи қабилаҳои онҳо баромад; ва мулки онҳо
андаруни мулки банӣ-Яҳудо буд.
2 Ва инҳо мулки онҳо гардид: Беэр-Шобаъ, Шобаъ ва Мӯлодо,+
3 Ҳасар-Шуол, Боло ва Осам,
4 Элтӯлад, Батул ва Ҳормо,
5 Сиқлоҷ, Байт-Маркобӯт ва Ҳасар-Сусо,
6 Байт-Лабоӯт ва Шоруҳан, — сездаҳ шаҳр бо деҳоташон.
7 Айин, Риммӯн, Этер ва Ошон, — чор шаҳр бо деҳоташон.
8 Ва тамоми деҳоте ки дар атрофи ин шаҳрҳо то Баалат-Беэр ва
Ромат-Наҷаб буд; мулки хонадони банӣ-Шимъӯн мувофиқи
қабилаҳои онҳо ҳамин буд.
9 Мулки банӣ-Шимъӯн аз миёни ҳиссаи банӣ-Яҳудо буд, зеро ки
ҳиссаи банӣ-Яҳудо барои онҳо бағоят бузург буд, ва банӣ-Шимъӯн аз
миёни мулки онҳо мулк гирифтанд+.
10 Ва қуръаи сеюм барои банӣ-Забулун мувофиқи қабилаҳои онҳо
баромад, ва сарҳади мулки онҳо то Сорид мерасид.
11 Ва ҳудуди онҳо ба самти ғарб ва Маръало рафта, то Дабошет
мерасид, ва ба водие ки дар рӯ ба рӯи Ёқнеом аст, мерасид;
12 Ва аз Сорид ба самти шарқ, ба тарафи тулӯи офтоб то сарҳади
Кислӯт-Тобӯр бармегашт, ва назди Добрат баромада, ба Ёфиа
мерасид.
13 Ва аз он ҷо ба самти шарқ, ба Ҷитто-Ҳефер ва Итто-Қосин
гузашта, назди Риммӯн мебаромад ва ба тарафи Нео мегашт.
14 Ва сарҳад аз шимол то Ҳаннотӯн онро давр мезад, ва интиҳояш
дараи Йифтаҳ-Ил буд;
15 Низ Қаттот, Наҳалол, Шимрӯн, Идъало ва Байт-Лаҳм, — дувоздаҳ
шаҳр бо деҳоташон.
16 Мулки банӣ-Забулун мувофиқи қабилаҳои онҳо ҳамин буд,
яъне ҳамин шаҳрҳо бо деҳоташон+.
17 Қуръаи чорум барои Иссокор баромад, яъне барои банӣ-Иссокор
мувофиқи қабилаҳои онҳо.
18 Ва ҳудуди онҳо чунин буд: Изреъил, Касуллӯт ва Шунем,
19 Ҳафораим, Шиӯн ва Аноҳарот,

[20] Раббит, Қишйӯн ва Обас,
[21] Ромат, Эйн-Ҷанним, Эйн-Ҳаддо ва Байт-Фасис;
[22] Ва сарҳад ба Тобӯр, Шаҳасимо ва Байт-Шемеш мерасид, ва
интиҳои сарҳадашон назди Урдун буд, — шонздаҳ шаҳр бо
деҳоташон.
[23] Мулки хонадони банӣ-Иссокор мувофиқи қабилаҳои онҳо
ҳамин буд, яъне ин шаҳрҳо бо деҳоташон.
[24] Ва қуръаи панҷум барои хонадони банӣ-Ошер мувофиқи
қабилаҳои онҳо баромад,
[25] Ва сарҳади онҳо чунин буд: Ҳелқат, Ҳалӣ, Ботан ва Акшоф,
[26] Аламалик, Амъод ва Мишъол. Ва дар ғарб ба Кармил ва Шиҳӯр-
Либнот мерасид;
[27] Ва ба самти тулӯи офтоб ба Байт-Доҷӯн баргашта, ба Забулун ва
дараи Йифтаҳ-Ил дар шимол ва ба Байт-Эмеқ ва Наиил мерасид, ва аз
тарафи чап назди Кабул мебаромад;
[28] Низ Эбрӯн, Раҳӯб, Ҳаммӯн ва Қоно то Сидӯни бузург;
[29] Ва сарҳад ба Ромо баргашта, то шаҳри ҳисордори Сӯр мерафт; ва
сарҳад сӯи Ҳусо бармегашт, ва интиҳояш назди баҳр дар мавзеи
Акзиб буд;
[30] Низ Уммо, Афиқ ва Раҳӯб, — бисту ду шаҳр бо деҳоташон.
[31] Мулки хонадони банӣ-Ошер мувофиқи қабилаҳои онҳо ҳамин
буд, яъне ин шаҳрҳо бо деҳоташон.
[32] Қуръаи шашум барои банӣ-Нафтолӣ баромад, яъне барои банӣ-
Нафтолӣ мувофиқи қабилаҳои онҳо.
[33] Ва сарҳади онҳо аз Ҳелаф, аз булутзоре ки дар Саананним буд,
ба Адомӣ, Ноқаб ва Ябнаил то Лаққум мерафт, ва интиҳояш назди
Урдун буд.
[34] Ва сарҳад ба самти ғарб сӯи Азнӯт-Тобӯр баргашта, аз он ҷо ба
Ҳуққӯқо мебаромад, аз ҷануб ба Забулун мерасид, аз ғарб ба Ошер
мерасид ва аз тулӯи офтоб — ба Яҳудо назди Урдун.
[35] Ва шаҳрҳои ҳисордори он: Сиддим, Сер, Ҳаммат, Раққат ва
Киннорет,
[36] Адомо, Ромо ва Ҳосӯр,
[37] Қодеш, Эдрей ва Айн-Ҳосӯр,
[38] Йиръӯн, Миҷдал-Ил, Ҳорим, Байт-Анот ва Байт-Шемеш, —
нуздаҳ шаҳр бо деҳоташон.

[39] Мулки хонадони банӣ-Нафтолӣ ҳамин буд, яъне ин шаҳрҳо бо деҳоташон.
[40] Барои хонадони банӣ-Дон мувофиқи қабилаҳои онҳо қуръаи ҳафтум баромад.
[41] Ва сарҳади мулки онҳо чунин буд: Соръо, Эштоӯл ва Ир-Шемеш,
[42] Шаалаббин, Аёлӯн ва Йитло,
[43] Элӯн, Тимно ва Эқрӯн,
[44] Элтақе, Ҷибтун ва Баалот,
[45] Яҳуд, Бне-Брак ва Ҷат-Риммӯн,
[46] Ме-Ярқӯн ва Раққӯн бо сарҳаде ки дар рӯ ба рӯи Ёфӯ мебошад+.
[47] Ва ҳудуди банӣ-Дон аз ихтиёрашон баромад, ва банӣ-Дон берун
рафта, бо Лошам ҷанг карданд, ва онро забт намуда, ба дами шамшер
заданд, ва онро ба тасарруфи худ даровардa, дар он сокин шуданд, ва
Лошамро Дон номиданд, бар тибқи номи Дон, ки падарашон буд+.
[48] Ҳамин аст мулки хонадони банӣ-Дон мувофиқи қабилаҳои онҳо, яъне ин шаҳрҳо бо деҳоташон.
[49] Ва ҳангоме ки ба ҳудудҳо тақсим кардани заминро ба анҷом расониданд, банӣ-Исроил ба Еҳушаъ ибни Нун мулке дар миёни худ доданд,
[50] Мувофиқи амри Худованд шаҳреро, ки ӯ хост, яъне Тимнат-Сораҳро дар кӯҳи Эфроим ба ӯ доданд, ва ӯ ин шаҳрро бино карда, дар он сокин шуд+.
[51] Ҳамин аст мулкҳое ки Элъозори коҳин ва Еҳушаъ ибни Нун ва сарнаслҳои хонадонҳои банӣ-Исроил бо қуръа дар Шилӯ ба ҳузури Худованд назди дари хаймаи ҷомеъ тақсим карданд; ва тақсимоти заминро ба анҷом расониданд.

## Дар бораи шаҳрҳои гурезгоҳ.

**20** 1 •Ва Худованд ба Еҳушаъ сухан ронда, гуфт:+
2 «Ба банӣ-Исроил сухан ронда, бигӯй: „Шаҳрҳои гурезгоҳро,
ки дар бораи онҳо ба шумо ба воситаи Мусо сухан рондаам, барои
худ таъин намоед,
3 То қотиле ки касеро саҳван, нодониста кушта бошад, ба он ҷо
бигрезад; ва ин шаҳрҳо барои шумо гурезгоҳе аз хунхоҳ бошад.
4 Ва касе ки ба яке аз ин шаҳрҳо мегурезад, бигзор ба даҳани
дарвозаи шаҳр истода, ба гӯши пирони он шаҳр суханони худро
бигӯяд, ва онҳо ӯро назди худ ба шаҳр дароварда, маконе ба ӯ хоҳанд
дод, то ки бо онҳо сокин шавад.
5 Ва ҳангоме ки хунхоҳ ӯро таъқиб намояд, онҳо набояд қотилро
ба дасти вай супоранд, зеро ки ӯ ёри худро нодониста куштааст, ва
пеш аз он бо вай адовате надоштааст.
6 Ва ӯ бигзор дар ин шаҳр сукунат намояд, то вақте ки ба хузури
ҷамоат барои доварӣ ҳозир шавад, ва то вақти вафоти саркоҳине ки
дар он айём бошад. Он гоҳ қотил метавонад баргашта, ба шаҳри худ
ва ба хонаи худ, яъне ба шаҳре ки аз он гурехта буд, биёяд“».
7 Ва Қодешро дар Ҷалил дар кӯҳи Нафтолӣ, ва Шакемро дар кӯҳи
Эфроим, ва Қирьят-Арбаъро, ки Ҳебрӯн бошад, дар кӯҳи Яҳудо таъин
карданд.
8 Ва аз он тарафи Урдун, дар рӯ ба рӯи Ериҳӯ, ба самти шарқ,
Босарро дар биёбон, дар дашт, аз хонадони Реубен, ва Ромӯтро дар
Ҷилъод, аз хонадони Ҷод, ва Ҷӯлонро дар Бошон, аз хонадони
Менашше, муайян карданд.
9 Ҳаминҳо буд шаҳрҳое ки барои тамоми банӣ-Исроил ва барои
ғарибе ки дар миёни онҳо сукунат дорад, таъин гардида буд, то ҳар
одаме ки касеро саҳван кушта бошад, ба он ҷо бигрезад, ва аз дасти
хунхоҳ намирад, то вақте ки ба ҳузури ҷамоат барои доварӣ ҳозир
шавад.

## Мулки левизодагон.

21 1 •Ва сарнаслҳои левизодагон назди Элъозори коҳин ва
назди Еҳушаъ ибни Нун ва назди сарнаслҳои хонадонҳои банӣ-
Исроил омаданд,
2 Ва ба онҳо дар Шилӯ, дар замини Канъон, сухан ронда, гуфтанд:
«Худованд ба воситаи Мусо амр фармудааст, ки ба мо шаҳрҳо барои
истиқомат, ва ҳаволии онҳо барои чорпоёни мо дода шавад».
3 Ва банӣ-Исроил, мувофиқи амри Худованд, аз мулки худ ин
шаҳрҳоро бо ҳаволии онҳо ба левизодагон доданд.
4 Ва қуръа барои қабилаҳои қаҳотиён баромад; ва барои писарони
Ҳоруни коҳин, ки аз левизодагон буданд, аз хонадони Яҳудо ва аз
хонадони Шимъӯн ва аз хонадони Биньёмин, мувофиқи қуръа,
сездаҳ шаҳр расид+.
5 Ва барои бақияи писарони Қаҳот аз қабилаҳои хонадони Эфроим
ва аз хонадони Дон ва аз нисфи хонадони Менашше, мувофиқи
қуръа, даҳ шаҳр расид.
6 Ва барои писарони Ҷершӯн аз қабилаҳои хонадони Иссокор ва аз
хонадони Ошер ва аз хонадони Нафтолӣ ва аз нисфи хонадони
Менашше дар Бошон, мувофиқи қуръа, сездаҳ шаҳр расид.
7 Барои писарони Марорӣ, мувофиқи қабилаҳои онҳо, аз хонадони
Реубен ва аз хонадони Ҷод ва аз хонадони Забулун дувоздаҳ шаҳр
расид.
8 Ва банӣ-Исроил ба левизодагон ин шаҳрҳоро бо ҳаволии онҳо
мувофиқи қуръа доданд, чунон ки Худованд ба воситаи Мусо
фармуда буд.
9 Ва аз хонадони банӣ-Яҳудо ва аз хонадони банӣ-Шимъӯн ин
шаҳрҳоро, ки ном бурда шудааст, доданд;
10 Ва инҳо ба писарони Ҳорун, ки аз қабилаҳои қаҳотиён, аз банӣ-
Левӣ буданд, расид, зеро ки қуръаи аввалин аз они онҳо шуд;
11 Ва падари анокиён Қирьят-Арбаъро, ки Ҳебрӯн бошад, дар кӯҳи
Яҳудо бо ҳаволии гирду пеши он ба онҳо доданд+.
12 Вале киштзори шаҳрро бо деҳоташ ба Колеб ибни Ефунне барои
моликият доданд.

13 Ва ба писарони Ҳоруни коҳин шаҳри гурезгоҳи қотил —
Ҳебрӯнро бо ҳаволии он, ва Либноро бо ҳаволии он доданд,
14 Ва Яттиро бо ҳаволии он, ва Эштемӯаро бо ҳаволии он,
15 Ва Ҳӯлӯнро бо ҳаволии он, ва Дабирро бо ҳаволии он,
16 Ва Айинро бо ҳаволии он, ва Ютторо бо ҳаволии он, ва Байт-
Шемешро бо ҳаволии он, яъне нӯҳ шаҳрро аз ин ду сибт доданд.
17 Ва аз хонадони Биньёмин — Ҷибъӯнро бо ҳаволии он, Ҷобаъро
бо ҳаволии он,
18 Анотӯтро бо ҳаволии он, Алмӯнро бо ҳаволии он, яъне чор
шаҳрро доданд.
19 Ҷамъи шаҳрҳои писарони Ҳоруни коҳин сездаҳ шаҳр бо
ҳаволии он буд.
20 Ва барои қабилаҳои банӣ-Қаҳот, яъне левизодагони дигаре ки аз
банӣ-Қаҳот буданд, шаҳрҳо мувофиқи қуръаи онҳо аз хонадони
Эфроим буд.
21 Ба онҳо шаҳри гурезгоҳи қотил — Шакемро бо ҳаволии он дар
кӯҳи Эфроим доданд; ва Ҷозарро бо ҳаволии он,
22 Ва Қибсаимро бо ҳаволии он, ва Байт-Ҳӯрӯнро бо ҳаволии он,
яъне чор шаҳрро доданд.
23 Ва аз хонадони Дон — Элтақеро бо ҳаволии он, Ҷибтӯнро бо
ҳаволии он,
24 Аёлӯнро бо ҳаволии он, Ҷат-Риммӯнро бо ҳаволии он, яъне чор
шаҳрро доданд.
25 Ва аз нисфи хонадони Менашше — Таънокро бо ҳаволии он, ва
Ҷат-Риммӯнро бо ҳаволии он, яъне ду шаҳрро доданд.
26 Ҷамъ даҳ шаҳр бо ҳаволии онҳо барои қабилаҳои дигари банӣ-
Қаҳот буд.
27 Ва ба писарони Ҷершӯн, ки аз қабилаҳои левизодагон буданд, аз
нисфи хонадони Менашше шаҳри гурезгоҳи қотил — Ҷӯлонро, ки дар
Бошон буд, бо ҳаволии он, ва Беэштароро бо ҳаволии он, яъне ду
шаҳрро доданд.
28 Ва аз хонадони Иссокор — Қишйӯнро бо ҳаволии он, Добратро бо
ҳаволии он,
29 Ярмутро бо ҳаволии он, Эйн-Ҷаннимро бо ҳаволии он, яъне чор
шаҳрро доданд.

30 Ва аз хонадони Ошер — Мишъолро бо ҳаволии он, Абдӯнро бо
ҳаволии он,
31 Ҳелқатро бо ҳаволии он, ва Раҳӯбро бо ҳаволии он, яъне чор
шаҳрро доданд.
32 Ва аз хонадони Нафтолӣ — шаҳри гурезгоҳи қотил Қодешро дар
Ҷалил бо ҳаволии он, ва Ҳаммӯт-Дӯрро бо ҳаволии он, ва Қартонро
бо ҳаволии он, яъне се шаҳрро доданд.
33 Ҷамъи шаҳрҳои ҷершӯниён мувофиқи қабилаҳои онҳо сездаҳ
шаҳр бо ҳаволии онҳо буд.
34 Ва барои қабилаҳои банӣ-Марорӣ, ки аз левизодагони
боқимонда буданд, аз хонадони Забулун Ёқнеомро бо ҳаволии он,
Қарторо бо ҳаволии он,
35 Димнорo бо ҳаволии он, Наҳалолро бо ҳаволии он, яъне чор
шаҳрро доданд.
36 Ва аз хонадони Реубен шаҳри гурезгоҳи қотил Босарро дар
биёбон бо ҳаволии он, ва Яҳсоро бо ҳаволии он,
37 Қадемӯтро бо ҳаволии он, ва Мефоатро бо ҳаволии он, яъне чор
шаҳрро доданд.
38 Ва аз хонадони Ҷод шаҳри гурезгоҳи қотил Ромӯтро дар Ҷилъод
бо ҳаволии он, ва Маҳаноимро бо ҳаволии он,
39 Ҳешбӯнро бо ҳаволии он, Яъзирро бо ҳаволии он, ҷамъ чор
шаҳрро доданд.
40 Ҳамаи ин шаҳрҳо барои банӣ-Марорӣ мувофиқи қабилаҳои
онҳо, яъне барои онҳое буд, ки аз қабилаҳои левизодагон боқӣ монда
буданд; ва аз рӯи қуръаи онҳо дувоздаҳ шаҳр баромад.
41 Ҳамаи шаҳрҳои левизодагон дар миёни мулки банӣ-Исроил
чилу ҳашт шаҳр бо ҳаволии онҳо буд.
42 Ин шаҳрҳо ҳар яке дар гирду пеши худ ҳаволӣ доштанд:
вазъияти ҳамаи ин шаҳрҳо чунин буд.
43 Ва Худованд ба Исроил тамоми заминеро, ки қасам хӯрда буд ба
падаронашон бидиҳад, дод, ва онҳо онро ба тасарруфи худ даровaрда,
дар он сокин шуданд+.
44 Ва Худованд ба онҳо аз ҳар тараф оромӣ дод, чунон ки ба
падаронашон қасам хӯрда буд; ва касе аз ҳамаи душманонашон
натавонист пеши онҳо истодагӣ кунад: ҳамаи душманони онҳоро
Худованд ба дасташон супурд+.

45 Аз ҳамаи қавлу ваъдаҳое ки Худованд ба хонадони Исроил дода
буд, сухане зоеъ нарафт: ҳамааш ба амал омад+.

## Ду ва ним сибт қурбонгоҳ бино карданд.

**22** [1] Он гоҳ Еҳушаъ реубениён ва ҷодиён ва нисфи хонадони Менашшеро даъват намуд,
[2] Ва ба онҳо гуфт: «Шумо ҳар он чиро, ки Мусо, бандаи Худованд, ба шумо амр фармуда буд, ба ҷо овардед, ва ба овози ман дар ҳар чи ба шумо амр фармудам, гӯш додед+.
[3] Бародарони худро дар ин айёми дуру дароз то имрӯз тарк накардед, ва иҷрои фармони Худованд Худои худро риоя намудед.
[4] Ва алҳол Худованд Худои шумо ба бародарони шумо оромӣ бахшидааст, чунон ки ба онҳо гуфта буд; ва алҳол сӯи хаймаҳои худ ба замини моликияти худ, ки Мусо, бандаи Худованд, дар он тарафи Урдун ба шумо додааст, рӯй оварда, биравед+.
[5] Фақат саъю кӯшиш намоед, ки аҳком ва шариатеро, ки Мусо, бандаи Худо, ба шумо амр фармудааст, ба амал оваред, то ки Худованд Худои худро дӯст дошта, ба ҳамаи роҳҳои Ӯ рафтор кунед ва аҳкоми Ӯро ба ҷо оварда, ба Ӯ бичаспед, ва Ӯро бо тамоми дили худ ва бо тамоми ҷони худ ибодат намоед»+.
[6] Ва Еҳушаъ онҳоро баракат дода, равона кард, ва онҳо сӯи хаймаҳои худ рафтанд.
[7] Ба нисфи сибти Менашше Мусо дар Бошон мулк дода буд, ва ба нисфи дигари он Еҳушаъ бо бародаронашон дар ин тарафи Урдун ба самти ғарб мулк дод; ва ҳангоме ки Еҳушаъ онҳоро сӯи хаймаҳошон равона мекард, онҳоро баракат дод,+
[8] Ва ба онҳо сухан ронда, гуфт: «Бо сарвати бисьёр ва бо чорвои сершумор, бо нуқра ва тилло ва мис ва оҳан ва либоси бағоят зиёде ба хаймаҳои худ бармегардед; пас, ғанимати душманони худро бо бародарони худ тақсим кунед»+.
[9] Ва банӣ-Реубен ва банӣ-Ҷод ва нисфи сибти Менашше аз пеши банӣ-Исроил, аз Шилӯ, ки дар замини Канъон аст, баргашта, равона шуданд, то сӯи замини Ҷилъод, ба замини моликияти худ, ки онро бар тибқи амри Худованд ба воситаи Мусо ба тасарруфи худ даровардаанд, бираванд.
[10] Ва ба ноҳияи Урдун, ки дар замини Канъон аст, расида, банӣ-Реубен ва банӣ-Ҷод ва нисфи сибти Менашше дар он ҷо назди Урдун

қурбонгоҳ бино карданд, — қурбонгоҳи бузурге ки аз дурдаст ба
назар намоён мешуд.
11 Ва банӣ-Исроил овозаи онро шуниданд, ки инак, банӣ-Реубен ва
банӣ-Ҷод ва нисфи сибти Менашше дар рӯ ба рӯи замини Канъон дар
ноҳияи Урдун, дар соҳиле ки аз они банӣ-Исроил аст, қурбонгоҳ
бино кардаанд.
12 Ва ҳангоме ки банӣ-Исроил инро шуниданд, тамоми ҷамоати
банӣ-Исроил дар Шилӯ ҷамъ шуданд, то ки бар зидди онҳо ба ҷанг
бароянд.
13 Ва банӣ-Исроил Финҳос ибни Элъозори коҳинро назди банӣ-
Реубен ва банӣ-Ҷод ва нисфи сибти Менашше ба замини Ҷилъод
фиристоданд+.
14 Ва бо ӯ даҳ раис: як раис аз ҳар хонадон, аз ҳамаи сибтҳои
Исроил буданд, ки ҳар яке раиси хонадони қабилаҳои Исроил буд.
15 Ва онҳо назди банӣ-Реубен ва банӣ-Ҷод ва нисфи сибти
Менашше ба замини Ҷилъод омаданд, ва ба онҳо сухан ронда,
гуфтанд:
16 «Тамоми ҷамоати Худованд чунин мегӯянд: „Ин чӣ хиёнат аст,
ки дар хаққи Худои Исроил кардаед, ки имрӯз аз Худованд гашта,
барои худ қурбонгоҳе сохтаед, яъне имрӯз бар зидди Худованд исьён
бардоштаед+?
17 Оё гуноҳи Фаӯр барои мо кам аст, ки то имрӯз аз он пок
нашудаем, ва он вақт вабое ба сари ҷамоати Худованд омада буд+?
18 Ва шумо имрӯз аз Худованд гаштаед! Ва чунин воқеъ хоҳад шуд,
ки шумо имрӯз бар зидди Худованд исьён мебардоред, ва Ӯ фардо
бар тамоми ҷамоати Исроил ғазаб мекунад.
19 Вале агар замини моликияти шумо дар назаратон палид бошад,
пас ба замини моликияти Худованд, ки хаймаи Худованд дар он
соқин аст, бигзаред, ва дар миёни мо мулке барои худ бигиред,
валекин бар зидди Худованд исьён набардоред ва, ғайр аз
курбонгоҳи Худованд Худои мо, барои худ қурбонгоҳ сохта, моро ба
исьёни худ шарик нагардонед.
20 Охир, Охон ибни Зораҳ дар бораи чизи ҳаром хиёнат карда буд,
валекин ғазаб бар сари тамоми ҷамоати Исроил омад, ва он шахс
барои гуноҳи худ танҳо ба ҳалокат нарасид“»+.

21 Ва банӣ-Реубен ва банӣ-Ҷод ва нисфи сибти Менашше ҷавоб
гардонида, ба раисони хонадонҳои Исроил гуфтанд:
22 «Худованд Худои худоён аст, Худованд Худои худоён аст, Ӯ
медонад, ва Исроил хоҳанд донист! Агар мо дар ҳаққи Худованд
исьён ё хиёнат карда бошем, Ту моро имрӯз наҷот надеҳ!+
23 Агар мо қурбонгоҳро барои он сохта бошем, ки аз Худованд
гардем, ва ё барои он ки қурбонии сӯхтанӣ ва ҳадияи ордӣ бар он
барорем ва ё қурбониҳои саломатӣ бар он забҳ кунем, бигзор
Худованд Худаш бозхост намояд!
24 Балки ин корро мо аз хавфи он кардаем, ки шояд фардо
писарони шумо ба писарони мо бигӯянд: „Шуморо бо Худованд
Худои Исроил чӣ кор аст?
25 Охир, Худованд дар миёни мо ва шумо, эй банӣ-Реубен ва банӣ-
Ҷод, Урдунро чун ҳадде гузоштааст, ва шуморо дар Худованд ҳиссае
нест!“ Ва писарони шумо писарони моро ба ибодати Худованд роҳ
нахоҳанд дод.
26 Бинобар ин мо гуфтем: барои худ ғамхорӣ намуда, курбонгоҳе
бисозем, аммо на барои қурбонии сӯхтанӣ ва на барои забҳ кардан,
27 Балки барои он ки ин дар миёни мо ва шумо ва дар миёни
наслҳои мо баъд аз мо шоҳиде бошад, то ки мо ибодати Худовандро
ба ҳузури Ӯ бо қурбониҳои сӯхтанӣ ва забҳҳо ва қурбониҳои
саломатии худ ба ҷо оварем, ва писарони шумо фардо ба писарони
мо нагӯянд: „Шуморо дар Худованд ҳиссае нест!“
28 Ва мо гуфтем: агар ба мо ва ба наслҳои мо фардо чунин бигӯянд,
мо хоҳем гуфт: „Ин намунаи қурбонгоҳи Худовандро бубинед, ки
падарони мо на барои қурбонии сӯхтанӣ ва на барои забҳ сохтаанд,
балки барои он ки дар миёни мо ва шумо шоҳид бошад“.
29 Ҳошо ва калло, ки мо бар зидди Худованд исьён бардошта,
имрӯз аз Худованд гардем, ва ғайр аз қурбонгоҳи Худованд Худои
мо, ки ба ҳузури хаймаи Ӯст, қурбонгоҳе барои қурбонии сӯхтанӣ,
ҳадияи ордӣ ва забҳ бисозем!»
30 Ва ҳангоме ки Финҳоси коҳин ва раисони ҷамоат ва
сарқабилаҳои Исроил, ки бо ӯ буданд, суханонеро, ки банӣ-Реубен ва
банӣ-Ҷод ва банӣ-Менашше гуфта буданд, шуниданд, ин дар
назарашон писанд омад.

31 Ва Финҳос ибни Элъозори коҳин ба банӣ-Реубен ва банӣ-Ҷод ва
банӣ-Менашше гуфт: «Имрӯз мо донистем, ки Худованд дар миёни
мост, чунки шумо ин хиёнатро дар ҳаққи Худованд накардаед; акнун
шумо банӣ-Исроилро аз дасти Худованд раҳо кардед»+.
32 Ва Финҳос ибни Элъозори коҳин ва раисон аз пеши банӣ-Реубен
ва банӣ-Ҷод аз замини Ҷилъод ба замини Канъон назди банӣ-Исроил
баргашта, инро ба онҳо хабар доданд.
33 Ин дар назари банӣ-Исроил писанд омад, ва банӣ-Исроил
Худоро муборак хонданд; ва аз нияти худ дар бораи он ки бар зидди
онҳо ба ҷанг бароянд ва заминеро, ки банӣ-Реубен ва банӣ-Ҷод дар
он сокинанд, хароб кунанд, даст кашиданд.
34 Ва банӣ-Реубен ва банӣ-Ҷод дар бораи қурбонгоҳ гуфтанд, ки
«он дар миёни мо шоҳид аст, ки Худованд Худост»+.

## Еҳушаъ ибни Нун ба қавм дастуроти охирин медиҳад.

23 [1] Ва бо мурури айёми зиёд, баъд аз он ки Худованд ба Исроил
аз ҳамаи душманони гирду пешашон оромӣ бахшид, Еҳушаъ
пир ва солхӯрда гардид+.
[2] Ва Еҳушаъ тамоми Исроилро, яъне пирон, раисон, доварон ва
нозирони онҳоро даъват намуда, ба онҳо гуфт: «Ман пир ва солхӯрда
шудаам.
[3] Ва шумо ҳар он чиро, ки Худованд Худои шумо ба ҳамаи ин
халқҳо пеши шумо кардааст, дидаед, зеро ки Худованд Худои шумо
Худаш барои шумо ҷангидааст+.
[4] Бубинед, ин халқҳоеро, ки боқӣ мондаанд, ва халқҳоеро, ки аз
Урдун то баҳри бузург ба самти ғуруби офтоб маҳв намудаам, ман
барои шумо бо қуръа тақсим кардам, то ки мулки сибтҳои шумо
бошанд+.
[5] Ва Худованд Худои шумо Худаш онҳоро пеши шумо ба танг
оварда, аз пеши шумо бадар хоҳад ронд, ва шумо замини онҳоро ба
тасарруфи худ хоҳед даровард, чунон ки Худованд Худои шумо ба
шумо гуфтааст+.
[6] Пас, бағоят қавӣ бошед, то ҳар он чиро, ки дар китоби шариати
Мусо навишта шудааст, риоя намуда ба амал оваред, бе он ки аз он ба
тарафи рост ё чап дур шавед,+
[7] То бо ин халқҳое ки дар миёни шумо боқӣ мондаанд, омезиш
наёбед, ва исми худоёни онҳоро зикр карда қасам нахӯред, ва онҳоро
ибодат нанамоед ва ба онҳо сачда набаред,+
[8] Балки ба Худованд Худои худ бичаспед, чунон ки то имрӯз амал
кардаед+.
[9] Ва Худованд халқҳои бузург ва зӯроварро аз пеши шумо бадар
рондааст, ва пеши шумо касе то имрӯз натавонистааст истодагӣ
намояд+.
[10] Як нафар аз шумо ҳазор нафарро таъқиб менамояд, зеро ки
Худованд Худои шумо Худаш барои шумо меҷангад, чунон ки ба
шумо гуфтааст+.
[11] Ва аз хештан бағоят эҳтиёт бошед, то ки Худованд Худои худро
дӯст доред.

12 Аммо агар рӯй тофта, ба бақияи ин халқҳое ки дар миёни шумо
мондаанд, бичаспед, ва бо онҳо хешовандӣ пайдо кунед, ва назди
онҳо биёед, ва онҳо назди шумо биёянд, —+
13 Яқинан бидонед, ки Худованд Худои шумо ин халқҳоро дигар аз
пеши шумо бадар нахоҳад ронд, ва онҳо барои шумо дом ва қуллоб,
ва барои қабурғаҳои шумо тозиёна, ва барои чашмони шумо хор
хоҳанд буд, то даме ки аз ин замини хуб, ки Худованд Худои шумо ба
шумо додааст, маҳв гардед.
14 Ва инак, ман ба қарибӣ ба тариқи тамоми аҳли замин меравам,
ва шумо бо тамоми дили худ ва бо тамоми ҷони худ дарк намоед, ки
як сухан ҳам аз ҳамаи қавлу ваъдаҳое ки Худованд Худои шумо дар
ҳаққи шумо додааст, зоеъ нарафтааст; ҳамааш барои шумо ба амал
омадааст, як сухан ҳам аз онҳо зоеъ нарафтааст+.
15 Валекин, чунон ки ҳар қавлу ваъдае ки Худованд Худои шумо ба
шумо дода буд, барои шумо ба амал омадааст, ончунон Худованд ҳар
таҳдидро бар шумо иҷро хоҳад кард, то даме ки шуморо аз ин
замини хубе ки Худованд Худои шумо ба шумо додааст, маҳв
намояд+.
16 Агар шумо аҳди Худованд Худои худро, ки ба шумо амр
фармудааст, поймол кунед, ва рафта худоёни дигарро ибодат намоед
ва ба онҳо сачда баред, дар он сурат хашми Худованд бар шумо
аланга хоҳад гирифт, ва шумо аз замини хубе ки Ӯ ба шумо додааст,
ба зудӣ маҳв хоҳед шуд».

## Васияти Еҳушаъ ибни Нун ва фавти ӯ.

24 [1] Ва Еҳушаъ ҳамаи сибтҳои Исроилро дар Шакем ҷамъ кард,
ва пирони Исроил, раисон, доварон ва нозирони онҳоро даъват
намуд, ва онҳо ба хузури Худо истоданд.
[2] Ва Еҳушаъ ба тамоми қавм гуфт: «Худованд Худои Исроил чунин
мегӯяд: „Падарони шумо, яъне Тораҳ падари Иброҳим ва падари
Ноҳӯр, аз қадимулайём дар он тарафи наҳр сокин буданд ва худоёни
дигарро ибодат мекарданд+.
[3] Вале Ман падаратон Иброҳимро аз он тарафи наҳр гирифтам, ва
ӯро дар тамоми замини Канъон гардонидам, ва насли ӯро афзун
кардам, ва Исҳоқро ба ӯ додам+.
[4] Ва Яъқуб ва Эсоврo ба Исҳоқ додам; ва кӯҳи Сеирро ба Эсов
додам, то ки онро ба тасарруфи худ дароварад; ва Яъқуб ва
писаронаш ба Миср фурӯд омаданд+.
[5] Ва Мусо ва Ҳорунро фиристода, Мисрро бо он чи андаруни вай ба
амал овардам, зарба задам, ва баъд аз он шуморо берун овардам+.
[6] Ва падарони шуморо аз Миср берун овардам, ва шумо сӯи баҳр
омадед; ва мисриён бо аробаҳо ва саворон падарони шуморо то баҳри
Қулзум таъқиб карданд+.
[7] Ва сӯи Худованд истиғоса бурдед, Ӯ дар миёни шумо ва мисриён
торикӣ гузошт, ва баҳрро бар онҳо равона карда, онҳоро пӯшонид, ва
чашмони шумо он чиро, ки дар Миср кардам, дидааст; ва айёми
зиёде дар биёбон сокин будед+.
[8] Ва шуморо ба замини амӯриён, ки дар он тарафи Урдун сокин
буданд, овардам, ва онҳо бо шумо ҷанг карданд; вале Ман онҳоро ба
дасти шумо супурдам, ва шумо замини онҳоро ба тасарруфи худ
даровардед, ва Ман онҳоро аз пеши шумо маҳв намудам.
[9] Ва Болоқ ибни Сиффӯр, подшоҳи Мӯоб, бархоста, бо Исроил ҷанг
кард, ва фиристода, Билъом ибни Баӯрро даъват намуд, то ки ба
шумо лаънат гӯяд+.
[10] Вале Ман нахостам Билъомро бишнавам, ва ӯ шуморо баракат
дод, ва Ман шуморо аз дасти ӯ раҳо кардам+.
[11] Ва шумо аз Урдун гузашта, назди Ериҳӯ омадед, ва сокинони
Ериҳӯ, амӯриён, фариззиён, канъониён, ҳиттиён, ҷирҷошиён,

ҳиввиён ва ябусиён бо шумо ҷанг карданд, вале Ман онҳоро ба дасти
шумо супурдам+.
[12] Ва занбӯри алоро пешопеши шумо фиристода, онҳоро, яъне ду
подшоҳи амӯриро аз пеши шумо бадар рондам, — на бо шамшери
шумо ва на бо камони шумо+.
[13] Ва заминеро, ки дар он меҳнат накардаед, ва шаҳрҳоеро, ки
бино нанамудаед, ба шумо додам, ва шумо дар онҳо сокин мебошед;
аз токҳо ва дарахтони зайтуне ки шумо нашинондаед, мева
мехӯред“+.
[14] Ва алҳол аз Худованд битарсед ва Ӯро бо самимият ва ростӣ
ибодат намоед ва худоёнеро, ки падаронатон дар он тарафи наҳр ва
дар Миср ибодат намудаанд, аз худ дур карда, Худовандро ибодат
намоед+.
[15] Ва агар дар назари шумо писанд наояд, ки Худовандро ибодат
намоед, пас имрӯз барои худ интихоб кунед, ки киро ибодат хоҳед
намуд: оё худоёнеро, ки падарони шумо дар он тарафи наҳр ибодат
мекарданд, ё худоёни амӯриёнро, ки дар заминашон сукунат доред;
валекин ман ва хонадони ман Худовандро ибодат хоҳем кард»+.
[16] Ва қавм ҷавоб гардонида, гуфтанд: «Ҳошо ва калло, ки мо
Худовандро тарк карда, худоёни дигарро ибодат намоем!
[17] Зеро ки Худованд Худои мост, ки Ӯ мо ва падарони моро аз
замини Миср, аз хонаи ғуломӣ берун овард, ва ин аломати бузургро
дар пеши назари мо нишон дод, ва моро дар тамоми роҳе ки рафтем,
ва андаруни ҳамаи қавмҳое ки аз миёнашон гузаштем, нигаҳбонӣ
намуд.
[18] Ва Худованд ҳамаи қавмҳо ва амӯриёнро, ки дар ин замин
сокин буданд, аз пеши мо бадар ронд; мо низ Худовандро ибодат
хоҳем кард, зеро ки Ӯ Худои мост».
[19] Ва Еҳушаъ ба қавм гуфт: «Шумо наметавонед Худовандро ибодат
намоед, зеро ки Ӯ Худои қуддус аст, ва Ӯ Худои ғаюр аст, ки ба
маъсиятҳо ва гуноҳҳои шумо тоқат нахоҳад кард+.
[20] Агар шумо Худовандро тарк карда, худоёни бегонаро ибодат
намоед, Ӯ гашт карда ва ба шумо осеб расонида, агарчи пеш аз ин ба
шумо некӣ кардааст, шуморо ба ҳалокат хоҳад расонид»+.
[21] Ва қавм ба Еҳушаъ гуфтанд: «Не, мо Худовандро ибодат хоҳем
намуд».

22 Ва Еҳушаъ ба қавм гуфт: «Шумо бар худ шоҳид ҳастед, ки
Худовандро барои худ интихоб кардаед, то ки Ӯро ибодат намоед».
Ва онҳо гуфтанд: «Шоҳид ҳастем».
23 «Ва алҳол худоёни бегонаро, ки дар миёни шумо ҳастанд, дур
кунед ва дили худро ба Худованд Худои Исроил моил гардонед».
24 Ва қавм ба Еҳушаъ гуфтанд: «Худованд Худои худро ибодат
хоҳем намуд ва овози Ӯро хоҳем шунид».
25 Ва Еҳушаъ дар он рӯз бо қавм аҳд баст ва барои онҳо дар Шакем
фароиз ва шариат қарор дод.
26 Ва Еҳушаъ ин суханонро дар китоби шариати Худо навишт; ва
санги бузурге гирифта, онро дар он ҷо зери булуте ки назди қудси
Худованд буд, гузошт+.
27 Ва Еҳушаъ ба тамоми қавм гуфт: «Инак, ин санг барои мо шоҳид
хоҳад буд, зеро ки он ҳамаи суханони Худовандро, ки ба мо гуфт,
шунидааст; ва он ба муқобили шумо шоҳид хоҳад буд, агар Худои
худро инкор намоед»+.
28 Ва Еҳушаъ қавмро фиристод, то ҳар яке ба мулки худ равона
шаванд+.

29 •Ва баъд аз ин ҳодисаҳо Еҳушаъ ибни Нун, бандаи Худованд, дар
синни саду даҳсолагӣ вафот ёфт.
30 Ва ӯро дар худуди мулкаш, дар Тимнат-Сораҳ, ки дар кӯҳи
Эфроим, ба тарафи шимолии кӯҳи Ҷоаш мебошад, дафн карданд+.
31 Ва Исроил дар тамоми айёми Еҳушаъ ва дар тамоми айёми
пироне ки баъд аз Еҳушаъ зинда буданд ва ҳамаи корҳои
Худовандро, ки барои Исроил карда буд, медонистанд, Худовандро
ибодат намуданд.
32 Ва устухонҳои Юсуфро, ки банӣ-Исроил аз Миср баровларда
буданд, дар Шакем дар қитъаи замине ки Яъқуб аз банӣ-Ҳамӯр
падари Шакем ба сад сикка харида буд, дафн карданд; ва он мулки
банӣ-Юсуф гардид+.
33 Ва Элъозор ибни Ҳорун вафот ёфт, ва ӯро бар тали писараш
Финҳос, ки дар кӯҳи Эфроим ба ӯ дода шуда буд, дафн карданд.

---

+ 1:1 Хур. 24:13, Ад. 27:18-20, Так. Шар. 1:38

+ 1:2 Так. Шар. 34:5

+ 1:3 Так. Шар. 11:24

+ 1:4 Ҳас. 15:18, Ад. 34:1-12, Так. Шар. 11:24

+ 1:5 Так. Шар. 7:24, Хур. 3:12, Дов. 6:16, Так. Шар. 31:5-8, Ибр. 13:5

+ 1:6 Так. Шар. 31:6-7, Так. Шар. 31:23

+ 1:7 Так. Шар. 5:32

+ 1:8 Так. Шар. 17:18-19, Заб. 1:2

+ 1:9 Так. Шар. 1:21, Так. Шар. 31:8

+ 1:10 Так. Шар. 16:18

+ 1:14 Ад. 32:17-26, Так. Шар. 3:18

+ 1:15 Ад. 32:29, Так. Шар. 3:20, Еҳ. 22:1-9

+ 2:1 Мат. 1:5, Яъқ. 2:25, Ибр. 11:31

+ 2:5 2 Подш. 17:18-20

+ 2:7 Дов. 3:28, Дов. 7:24

+ 2:9 Хур. 15:14-16, Хур. 23:27

+ 2:10 Хур. 14:21, Ад. 21:21-35

+ 2:11 Так. Шар. 4:39, 3 Подш. 8:23

+ 2:12 Так. Шар. 6:13

+ 2:14 Дов. 1:24-25

+ 2:15 1 Подш. 19:12, Аъм. 9:25

+ 3:1 Ад. 25:1

+ 3:3 Так. Шар. 31:9

+ 3:6 Иб. 20:7, Ад. 11:18

+ 3:10 Хур. 23:23

+ 3:11 Мик. 4:13, Зак. 4:14, Зак. 6:5

+ 3:12 Ад. 13:2

+ 3:13 Заб. 113:3

+ 3:15 1 Вақ. 12:15

+ 3:16 Так. Шар. 3:17

+ 3:17 Хур. 14:21, Хур. 14:29, 4 Подш. 2:8

+ 4:3 Так. Шар. 27:2, 3 Подш. 18:31

+ 4:6 Ҳас. 28:18, Ҳас. 35:14, 1 Подш. 7:12, Хур. 12:26

+ 4:12 Ад. 32:17, Ад. 32:20

+ 4:23 Хур. 14:21

+ 4:24 3 Подш. 8:42-43

+ 5:4 Ад. 14:29, Ад. 26:64-65

+ 5:6 Ад. 14:33-34, Хур. 3:8, Ад. 14:23, Ад. 14:28-29

+ 5:7 Ад. 14:31, Так. Шар. 1:39

+ 5:9 Ҳас. 34:14

+ 5:10 Хур. 12:6, Ад. 9:5

+ 5:12 Хур. 16:35

+ 5:13 Ад. 22:23

+ 5:15 Хур. 3:5

+ 6:4 Дов. 7:16-18

+ 6:16 Иб. 27:28, Так. Шар. 20:17, Еҳ. 2:1-6

+ 6:17 Еҳ. 7:12

+ 6:19 Ибр. 11:30

+ 6:20 Так. Шар. 7:2

+ 6:22 Ибр. 11:31

+ 6:24 Мат. 1:5, Яъқ. 2:25, Ибр. 11:32

+ 6:25 3 Подш. 16:34

+ 7:1 Еҳ. 22:20, 1 Вақ. 2:6-7

+ 7:4 Иб. 26:17, Так. Шар. 28:25

+ 7:6 Ад. 14:5, 1 Подш. 4:12, Наҳ. 9:1, Нав. 2:10

+ 7:7 Хур. 5:22, 4 Подш. 3:10

+ 7:9 Заб. 82:4

+ 7:12 Иб. 26:37, Дов. 2:14, Еҳ. 6:17

+ 7:14 1 Подш. 10:19, 1 Подш. 10:21

+ 7:17 Ад. 26:19-20

+ 7:19 Юҳ. 9:24

+ 7:20 2 Подш. 12:13

+ 7:21 Ҳас. 10:10, Ҳас. 11:2, Так. Шар. 7:25-26, Так. Шар. 13:17

+ 7:26 Еҳ. 7:26, 2 Подш. 18:17

+ 8:1 Еҳ. 6:1

+ 8:2 Еҳ. 6:20, Так. Шар. 20:14

+ 8:4 Дов. 20:29

+ 8:5 Еҳ. 7:4-5, Дов. 20:32

+ 8:19 Дов. 20:37

+ 8:22 Так. Шар. 7:2

+ 8:23 1 Подш. 15:8-9

+ 8:28 Так. Шар. 13:16

+ 8:29 Еҳ. 10:26, Так. Шар. 21:22-23, Еҳ. 7:26, 2 Подш. 18:17

+ 8:30 Так. Шар. 27:2, Так. Шар. 27:5-6

+ 8:31 Хур. 20:25

+ 8:33 Так. Шар. 11:29, Так. Шар. 27:12-13

+ 8:34 Так. Шар. 28

+ 8:35 Так. Шар. 31:12

+ 9:2 Ҳас. 14:1-3, Еҳ. 10:5, Еҳ. 11:5

+ 9:3 Еҳ. 6:20, Еҳ. 8:28

+ 9:6 Еҳ. 5:10

+ 9:9 Так. Шар. 20:11, Так. Шар. 20:15

+ 9:10 Ад. 21:21-35

+ 9:14 Ад. 27:21

+ 9:15 Еҳ. 11:19

+ 9:17 Еҳ. 18:25-28

+ 9:21 Так. Шар. 29:11

+ 9:24 Так. Шар. 7:1-2, Хур. 15:14

+ 9:25 Ирм. 26:14

+ 10:1 Еҳ. 6:20, Еҳ. 8:29, Еҳ. 9:15

+ 10:2 Так. Шар. 11:25

+ 10:5 Ҳас. 14:1-3, Еҳ. 9:2, Еҳ. 11:5

+ 10:8 Еҳ. 1:5, Еҳ. 21:44

+ 10:10 Дов. 4:15, 1 Подш. 7:10, Иш. 28:21

+ 10:11 Хур. 9:23, Иш. 30:30, Ваҳй 11:19, Ваҳй 16:21, 2 Подш. 18:8

+ 10:13 Ҳаб. 3:11

+ 10:14 4 Подш. 20:10-11, Иш. 38:8

+ 10:24 Так. Шар. 7:24

+ 10:25 Так. Шар. 3:21, Так. Шар. 7:19

+ 10:26 Ех. 8:29

+ 10:27 Так. Шар. 21:22-23

+ 10:28 Ех. 6:20

+ 10:38 Ех. 15:15, Дов. 1:11

+ 10:40 Так. Шар. 20:16-17

+ 11:4 Дов. 7:12, 1 Подш. 13:5

+ 11:5 Ҳас. 14:1-3, Ех. 9:1-2

+ 11:6 Так. Шар. 17:16, 2 Подш. 8:4, 1 Вақ. 18:4

+ 11:12 Так. Шар. 7:24, Так. Шар. 20:16-17

+ 11:15 Хур. 34:11-12, Так. Шар. 7:2

+ 11:19 Ех. 9:7, Ех. 9:15

+ 11:20 Хур. 4:21, Так. Шар. 7:16, Так. Шар. 20:16-17, 1 Подш. 2:25

+ 11:21 Ад. 13:22, Так. Шар. 1:28, Так. Шар. 2:10, Так. Шар. 9:2

+ 11:22 1 Подш. 17:4

+ 11:23 Ад. 26:53, Ех. 14:15

+ 12:2 Ад. 21:24

+ 12:4 Так. Шар. 2:11, Так. Шар. 3:11, Ех. 13:12, Ад. 21:33-35

+ 12:6 Ад. 32:33, Так. Шар. 29:8

+ 13:3 Так. Шар. 2:23

+ 13:5 3 Подш. 15:18, Заб. 82:8, Ҳиз. 27:9

+ 13:8 Ад. 32:33, Так. Шар. 3:12

+ 13:9 Так. Шар. 2:35

+ 13:12 Ех. 12:4

+ 13:13 1 Вақ. 2:23

+ 13:14 Так. Шар. 18:1-2

+ 13:21 Ад. 25:15, Ад. 31:8

+ 13:22 Ад. 31:16

+ 13:30 1 Вақ. 2:23

+ 13:31 Ад. 32:41

+ 13:33 Ад. 18:20, Так. Шар. 10:9

+ 14:1 Ад. 34:17

+ 14:2 Ад. 26:53-55, Ад. 34:13

+ 14:3 Ад. 18:20, Так. Шар. 10:9

+ 14:4 Ҳас. 48:5, Ад. 35:2

+ 14:6 Ад. 13:30, Ад. 14:6

+ 14:8 Ад. 13:31, Так. Шар. 1:28

+ 14:9 Ад. 14:6-9, Ад. 14:24

+ 14:12 Ад. 13:22, Так. Шар. 1:28, Так. Шар. 2:10, Так. Шар. 9:2, Еҳ. 11:21

+ 14:15 Ҳас. 23:2, Ҳас. 35:27, Дов. 1:10, Еҳ. 15:13, Еҳ. 11:23

+ 15:4 Ад. 34:3-5

+ 15:6 Еҳ. 18:17

+ 15:13 Ад. 13:30, Еҳ. 14:15, Еҳ. 21:11

+ 15:14 Ад. 13:22, Дов. 1:10, Дов. 1:20

+ 15:15 Еҳ. 10:38, Дов. 1:11

+ 15:16 Дов. 1:12-15, 1 Подш. 17:25

+ 15:19 Дов. 1:10-15

+ 15:63 Дов. 1:8, Дов. 1:21, 2 Подш. 5:6

+ 16:2 2 Подш. 15:32, 2 Подш. 17:5

+ 16:10 Дов. 1:29, 3 Подш. 9:16

+ 17:1 Ҳас. 41:51, 1 Вақ. 7:14, Ад. 32:40

+ 17:2 Ад. 26:30-32

+ 17:3 Ад. 26:33, Ад. 27:1-7, Ад. 36:1-12

+ 17:12 Дов. 1:27-28

+ 17:14 Ҳас. 48:19

+ 17:16 Дов. 1:19

+ 18:1 Дов. 18:31

+ 18:7 Ад. 18:20, Так. Шар. 10:9, Ех. 13:8

+ 18:17 Ех. 15:6

+ 18:28 Ех. 9:17

+ 19:2 1 Вақ. 4:28-33

+ 19:9 Ҳас. 49:7

+ 19:16 Ҳас. 49:13

+ 19:46 Дов. 1:34

+ 19:47 Дов. 18:27

+ 19:50 Ех. 24:30, Дов. 2:9

● 20:1 *Ад. 35:6, Ад. 35:9-34, Так. Шар. 4:41-43, Так. Шар. 19:1-13*

+ 20:1 Хур. 21:13

● 21:1 *Ад. 35:1-8, 1 Вақ. 6:54-81*

+ 21:4 Хур. 6:16-19, Ад. 3:17-20

+ 21:11 Ех. 14:15, Ех. 15:13

+ 21:43 Ҳас. 13:15, Ҳас. 15:18, Ҳас. 26:3, Ҳас. 28:13

+ 21:44 Ех. 10:8, Ех. 23:10

+ 21:45 3 Подш. 8:56

+ 22:2 Ад. 32:18-22, Так. Шар. 3:20, Ех. 1:12-15

+ 22:4 Ех. 11:23

+ 22:5 Так. Шар. 6:5, Так. Шар. 6:17, Так. Шар. 11:22

+ 22:7 Ех. 17:5

+ 22:8 Ад. 31:27, 1 Подш. 30:24

+ 22:13 Ад. 25:7-13

+ 22:16 Так. Шар. 13:12-15

+ 22:17 Ад. 25:1-5

+ 22:20 Ех. 7:1, Ех. 7:5

+ 22:22 Так. Шар. 10:17, 3 Подш. 8:39

+ 22:31 Иб. 26:11-12

+ 22:34 Ҳас. 31:48

+ 23:1 Так. Шар. 12:10

+ 23:3 Хур. 14:14

+ 23:4 Ех. 13:1-7

+ 23:5 Ад. 33:53

+ 23:6 Так. Шар. 5:32, Так. Шар. 28:14

+ 23:7 Хур. 23:13

+ 23:8 Так. Шар. 10:10

+ 23:9 Ех. 10:8, Ех. 21:44

+ 23:10 Иб. 26:8, Так. Шар. 32:30, Дов. 15:15, Хур. 14:14

+ 23:12 Хур. 34:15-16, Так. Шар. 7:3, Дов. 2:21, Хур. 23:33, Так. Шар. 7:4

+ 23:14 3 Подш. 2:2, Ех. 21:45, 3 Подш. 8:56

+ 23:15 Иб. 26:14-39, Так. Шар. 28:15-68

+ 24:2 Ҳас. 11:27-32

+ 24:3 Ҳас. 12:1-5, Ҳас. 21:2-3

+ 24:4 Ҳас. 25:24-26, Ҳас. 36:8, Ҳас. 46:5-7

+ 24:5 Хур. 3:10, Хур. 4:14, Хур. 7, Хур. 12:51

+ 24:6 Хур. 14:9

+ 24:7 Хур. 14:20, Хур. 14:28, Ад. 14:33-34, Ех. 5:6

+ 24:9 Ад. 22:5-6, Так. Шар. 23:4

+ 24:10 Ад. 24:10, Так. Шар. 23:5

+ 24:11 Ех. 3:17, Ех. 6:1, Ех. 10:10, Ех. 11:8

+ 24:12 Ад. 21:21-35, Заб. 43:4

+ 24:13 Так. Шар. 6:10, Так. Шар. 6:11

+ 24:14 Так. Шар. 10:12, 1 Подш. 12:24

+ 24:15 3 Подш. 18:21

+ 24:19 Иб. 19:2, Хур. 20:5

+ 24:20 1 Подш. 12:25

+ 24:26 Так. Шар. 31:24, Ҳас. 35:4, Дов. 9:6

+ 24:27 Ҳас. 31:44-45

+ 24:28 Дов. 2:6

● 24:29 *Дов. 2:7-9*

+ 24:30 Еҳ. 19:50, Дов. 2:9

+ 24:32 Ҳас. 33:19, Ҳас. 48:22, Ҳас. 50:25

*КИТОБИ*

## ДОВАРОНИ ИСРОИЛ


1 2 3 4 5 6 7 8 9 10

11 12 13 14 15 16 17 18 19 20

21

## Яҳудо бар зидди Канъон хуруҷ менамояд; аммо ғалабаи комил ба даст оварда нашудааст.

**1** [1] Ва баъд аз вафоти Еҳушаъ чунин воқеъ шуд, ки банӣ-Исроил
аз Худованд пурсида, гуфтанд: «Кист, ки барои мо бар зидди
канъониён аввал хуруҷ намуда, бо онҳо ҷанг кунад?»+
[2] Ва Худованд гуфт: «Бигзор банӣ-Яҳудо хуруҷ намоянд; инак, ин
заминро ба дасти онҳо таслим кардаам».
[3] Ва банӣ-Яҳудо ба бародаронашон банӣ-Шимъӯн гуфтанд: «Бо мо
дар он чи насибаи мост, хуруҷ намоед, ва мо бо канъониён ҷанг
кунем. Мо низ бо шумо дар он чи насибаи шумост, хоҳем рафт». Ва
банӣ-Шимъӯн бо онҳо рафтанд.
[4] Вақте ки банӣ-Яҳудо хуруҷ намуданд, Худованд канъониён ва
фариззиёнро ба дасти онҳо таслим кард; ва даҳ ҳазор нафарро аз
онҳо дар Бозақ куштанд.
[5] Ва Адӯнӣ-Бозақро дар Бозақ ёфта, бо ӯ ҷанг карданд; ва ба
канъониён ва фариззиён шикаст расониданд+.
[6] Ва Адӯнӣ-Бозақ рӯй ба гурез овард, вале ӯро таъқиб намуда,
дастгир карданд ва сарангуштҳои дастҳо ва пойҳояшро буриданд.
[7] Ва Адӯнӣ-Бозақ гуфт: «Ҳафтод подшоҳ, ки сарангуштҳои дастҳо
ва пойҳошон бурида шуда буд, дар таги мизи ман нонреза мечиданд;
чунон ки ман кардаам,ончунон Худо ба ман подош додааст». Ва ӯро
ба Ерусалим оварданд, ва дар он ҷо ӯ мурд+.
[8] Ва банӣ-Яҳудо бар зидди Ерусалим ҷанг карда, онро гирифтанд,
ва онро аз дами шамшер гузарониданд; ва шаҳрро оташ зада
сӯзониданд+.
[9] Ва баъд аз он банӣ-Яҳудо фурӯд омаданд, то ки бо канъониён, ки
дар кӯҳсор ва дар ҷануб ва дар пастхамӣ сокин буданд, ҷанг кунанд.
[10] Ва банӣ-Яҳудо ба муқобили канъониёне ки дар Ҳебрӯн сокин
буданд, хуруҷ намуданд; ва номи Ҳебрӯн пештар Қирьят-Арбаъ буд;
ва ба Шешай ва Аҳиман ва Талмой шикаст расониданд+.
[11] Ва аз он ҷо онҳо ба муқобили сокинони Дабир равона шуданд; ва
номи Дабир пештар Қирьят-Сефер буд+.
[12] Ва Колеб гуфт: «Касе ки ба Қирьят-Сефер шикаст расонад ва
онро бигирад, духтари худ Аксоро ба вай ба занӣ хоҳам дод»+.

13 Ва Отниил ибни Қеназ, додари хурдии Колеб, онро гирифт; ва ӯ
духтари худ Аксоро ба вай ба занӣ дод.
14 Ва чун духтар назди вай омад, вай ӯро моил намуд, ки аз падари
худ киштзоре биталабад, ва ӯ аз болои хар фурӯд омад; ва Колеб ба ӯ
гуфт: «Ту чӣ мехоҳӣ?»
15 Ва ӯ ба падараш гуфт: «Ба ман баракате бидеҳ, зеро ки замини
ҷанубиро ту ба ман додаӣ, пас чашмаҳои обро ҳам ба ман бидеҳ». Ва
Колеб чашмаҳои боло ва чашмаҳои поёнро ба ӯ дод.
16 Ва банӣ-Қенӣ, ақрабои падарарӯси Мусо, аз шаҳри Хурмозор бо
банӣ-Яҳудо хуруҷ намуда, сӯи биёбони Яҳудо, ки дар ҷануби Арод
аст, равона шуданд ва дар миёни ин қавм маскан гирифтанд+.
17 Ва банӣ-Яҳудо бо бародаронашон банӣ-Шимъӯн равона шуданд,
ва онҳо ба канъониёне ки дар Сефат сокин буданд, шикаст
расониданд; ва онро валангор карда, номи ин шаҳрро Ҳормо
хонданд.
18 Ва банӣ-Яҳудо Ғаззаро бо навоҳии он, ва Ашқалӯнро бо навоҳии
он, ва Эқрӯнро бо навоҳии он гирифтанд.
19 Ва Худованд бо банӣ-Яҳудо буд, ва онҳо кӯҳсорро тасарруф
намуданд; аммо сокинони водиро натавонистанд бадар ронанд, зеро
ки онҳо аробаҳои оҳанин доштанд+.
20 Ва Ҳебрӯнро ба Колеб доданд, чунон ки Мусо гуфта буд; ва ӯ аз
он ҷо се писари Аноқро бадар ронд+.
21 Вале ябусиёнро, ки дар Ерусалим сокин буданд, банӣ-Биньёмин
натавонистанд бадар ронанд; ва ябусиён то имрӯз бо банӣ-Биньёмин
дар Ерусалим сокин ҳастанд+.
22 Ва хонадони Юсуф низ сӯи Байт-Ил хуруҷ карданд, ва Худованд
бо онҳо буд.
23 Ва хонадони Юсуф дар Байт-Ил ҷосусӣ карданд; ва номи ин
шаҳр пештар Луз буд+.
24 Ва посбонон мардеро, ки аз шаҳр берун омада буд, дида, ба ӯ
гуфтанд: «Даромадгоҳи шаҳрро ба мо нишон деҳ, ва мо ба ту эҳсон
хоҳем кард»+.
25 Ва ӯ даромадгоҳи шаҳрро ба онҳо нишон дод, ва онҳо аҳли
шаҳрро аз дами шамшер гузарониданд; ва он мардро бо тамоми
хонаводааш раҳо карданд.

26 Ва он мард ба замини ҳиттиён рафт, ва шаҳре бино намуда,
номи онро Луз хонд; то имрӯз номи он ҳамин аст.
27 Ва банӣ-Менашше аҳли Байт-Шеон ва деҳоти онро, ва аҳли
Таънак ва деҳоти онро, ва сокинони Дӯр ва деҳоти онро, ва сокинони
Иблеом ва деҳоти онро, ва сокинони Маҷиддӯ ва деҳоти онро
натавонистанд бадар ронанд, ва канъониён азм карданд, ки дар ин
замин бимонанд+.
28 Ва чун Исроил қувват гирифт, канъониёнро хироҷгузори худ
гардонид, вале натавонист онҳоро бадар ронад.
29 Ва банӣ-Эфроим канъониёнро, ки дар Ҷозар сокин буданд,
натавонистанд бадар ронанд; ва канъониён дар миёни онҳо дар
Ҷозар сукунат доштанд+.
30 Банӣ-Забулун сокинони Қитрӯн ва сокинони Наҳалӯлро
натавонистанд бадар ронанд; ва канъониён дар миёни онҳо сукунат
доштанд, ва хироҷгузор буданд.
31 Банӣ-Ошер сокинони Аккӯ ва сокинони Сидӯн ва Аҳлоб ва Акзиб
ва Ҳалбо ва Афиқ ва Раҳӯбро натавонистанд бадар ронанд+.
32 Ва ошериён дар миёни канъониёне ки сокини он замин буданд,
сукунат доштанд, зеро ки онҳоро натавонистанд бадар ронанд.
33 Банӣ-Нафтолӣ сокинони Байт-Шемеш ва сокинони Байт-Анотро
натавонистанд бадар ронанд, ва дар миёни канъониёне ки сокини он
замин буданд, сукунат доштанд; ва сокинони Байт-Шемеш ва Байт-
Анот хироҷгузори онҳо буданд+.
34 Ва амӯриён банӣ-Донро дар кӯҳсор фишор доданд, зеро онҳоро
нагузоштанд, ки ба водӣ фурӯд оянд+.
35 Ва амӯриён азм карданд, ки дар кӯҳи Ҳорас, дар Аёлӯн ва
Шаалбим сокин бошанд; вале дасти хонадони Юсуф бар онҳо гарон
омад, ва хироҷгузор гардиданд.
36 Ва ҳудуди амӯриён аз баландии Ақрабим, аз қуллаи он болотар
буд+.

## Шарҳи воқеаҳо аз вақти дохилшавӣ ба Канъон то вақти вафоти Еҳушаъ ибни Нун. Саркашии Исроил, пушаймонӣ ва ҷазо.

2 1 Ва фариштаи Худованд аз Ҷилҷол ба Бӯким омада, гуфт: «Ман
шуморо аз Миср берун овардам, ва шуморо ба замине ки дар
бораи он ба падаронатон қасам хӯрда будам, овардам, ва Ман гуфтам:
„Аҳди Худро бо шумо то абад нахоҳам шикаст;+
2 Ва шумо бо сокинони ин замин аҳд набандед, қурбонгоҳҳои
онҳоро бишканед“. Вале шумо овози Маро нашнидед. Ин чӣ кор аст,
ки кардед+?
3 Ва низ гуфтам: „Онҳоро аз пеши шумо бадар нахоҳам ронд, ва
онҳо барои шумо садди роҳ хоҳанд буд, ва худоҳои онҳо барои шумо
дом хоҳанд буд“»+.
4 Ва ҳангоме ки фариштаи Худованд ин суханонро ба тамоми
банӣ-Исроил гуфт, қавм овози худро баланд карда, гиристанд.
5 Ва номи он мавзеъро Бӯким монданд, ва дар он ҷо барои
Худованд қурбонӣ карданд.

6 •Баъд аз он ки Еҳушаъ қавмро равона кард, банӣ-Исроил ҳар яке
ба мулки худ рафтанд, то ки заминро тасарруф намоянд.
7 Ва дар тамоми айёми Еҳушаъ ва дар тамоми айёми пироне ки
баъд аз Еҳушаъ дар қайди ҳаёт буда, ҳамаи корҳои бузурги
Худовандро, ки барои Исроил кардааст, дида буданд, қавм
Худовандро ибодат менамуданд.
8 Ва Еҳушаъ ибни Нун, бандаи Худованд, дар синни саду даҳсолагӣ
вафот ёфт.
9 Ва ӯро дар ҳудуди мулкаш, дар Тимнат-Ҳорас, дар кӯҳи Эфроим,
ба тарафи шимолии кӯҳи Ҷоаш дафн карданд+.
10 Ва тамоми он насл низ назди падарони худ рафтанд, ва баъд аз
онҳо насли дигаре бархостанд, ки Худовандро намедонистанд, ва
корҳоеро низ, ки Ӯ барои Исроил кардааст+.
11 Ва банӣ-Исроил он чи дар назари Худованд бад буд, ба амал
оварданд, ва Баалҳоро ибодат карданд;+
12 Ва Худованд Худои падарони худро, ки онҳоро аз замини Миср
берун оварда буд, тарк карданд, ва худоёни дигарро аз байни

худоёни қавмҳое ки дар гирду пешашон буданд, пайравӣ намуда, ба
онҳо саҷда бурданд, ва Худовандро ба ғазаб оварданд+.
[13] Ва Худовандро тарк карда, Баал ва Аштораҳоро ибодат
намуданд+.
[14] Ва хашми Худованд бар Исроил аланга гирифт, ва Ӯ онҳоро ба
дасти тороҷгарон супурд, ва онҳоро тороҷ карданд; ва онҳоро ба
дасти душманони онҳо, ки дар гирду пешашон буданд, супурд, ва
онҳо дигар натавонистанд пеши душманони худ истодагӣ намоянд+.
[15] Ҳар бор, ки ба ҷанг мебаромаданд, дасти Худованд бар онҳо ба
бадӣ буд, чунон ки Худованд гуфта буд ва чунон ки Худованд ба онҳо
қасам хӯрда буд; ва онҳо бисьёр ба танг омаданд+.

## Таъсис ёфтани доварон.

[16] Ва Худованд доваронро ба майдон овард, ки онҳоро аз дасти
тороҷгарони онҳо наҷот медоданд.
[17] Вале онҳо ба доварони худ низ итоат надоштанд, зеро ки гумроҳ
шуда, худоёни дигарро пайравӣ мекарданд ва ба онҳо саҷда
мебурданд; аз роҳе ки падаронашон бо он рафтор намуда, ба аҳкоми
Худованд итоат мекарданд, бо зудӣ дур шуданд, ва мисли онҳо амал
накарданд+.
[18] Ва ҳангоме ки Худованд барои онҳо доваронро ба майдон овард,
Худованд бо довар буд ва онҳоро дар тамоми айёми довар аз дасти
душманонашон наҷот медод, зеро ки Худованд ба сабаби оҳу нолаи
онҳо, ки аз дасти золимон ва ситамгарони худ мекарданд, ба онҳо
дилсӯзӣ менамуд+.
[19] Ва ҳамин ки довар вафот меёфт, онҳо аз нав, аз падарони худ
зиёдтар фосид гардида, худоёни дигарро пайравӣ мекарданд, онҳоро
ибодат намуда, саҷда мебурданд, аз корҳои зишт ва роҳи бади худ
ҳеҷ даст намекашиданд.

## Оқибати беитоатии Исроил.

[20] Ва хашми Худованд бар Исроил аланга гирифт, ва Ӯ гуфт:
«Азбаски ин халқ аҳди Маро, ки ба падаронашон амр фармудаам,
поймол карда, ба овози ман гӯш намедиҳанд,
[21] Ман низ ҳеҷ яке аз он ҳалқҳоро, ки Еҳушаъ боқӣ гузошта вафот
ёфтааст, дигар аз пеши онҳо бадар нахоҳам ронд,+

22 То ки ба воситаи онҳо Исроилро биозмоям: оё онҳо роҳи
Худовандро мисли он ки падаронашон риоя мекарданд, риоя намуда,
бо он рафтор мекунанд ё не?»
23 Ва Худованд он халқҳоро боқӣ гузошт, бе он ки онҳоро бо зудӣ
бадар ронад; ва онҳоро ба дасти Еҳушаъ таслим накард.

## Халқҳое ки исроилиёнро озмудаанд.

3 1 Ва инҳоянд халқҳое ки Худованд боқӣ гузошт, то ки ба
воситаи онҳо Исроилро биозмояд, яъне ҳамаи онҳоеро, ки ҳамаи
ҷангҳои Канъонро намедонистанд,+
2 То ки наслҳои банӣ-Исроил дониш пайдо карда, бурдани ҷангро
таълим гиранд, яъне онҳое ки пештар онро намедонистанд:
3 Панҷ ҳокими фалиштиён ва ҳамаи канъониён, сидӯниён ва
ҳиввиён, ки дар кӯҳсори Лубнон аз кӯҳи Баал-Ҳермӯн то
даромадгоҳи Ҳамот сокин буданд.
4 Ва онҳо барои он боқӣ гузошта шуда буданд, ки ба воситаи онҳо
исроилиён озмуда шаванд, то маълум гардад, ки оё ба аҳкоми
Худованд, ки Ӯ ба падаронашон ба воситаи Мусо амр фармудааст,
итоат менамоянд ё не.

## Бори аввал аз Худо дур шудани Исроил.

## Довари якум — Отниил.

5 Ва банӣ-Исроил дар миёни канъониён, ҳиттиён ва амӯриён ва
фариззиён ва ҳиввиён ва ябусиён сокин буданд;
6 Ва духтарони онҳоро барои худ ба занӣ мегирифтанд, ва
духтарони худро ба писарони онҳо медоданд, ва худоёни онҳоро
ибодат мекарданд+.
7 Ва банӣ-Исроил он чи дар назари Худованд бад буд, ба амал
оварданд, ва Худованд Худои худро фаромӯш намуда, Баалҳо ва
бутҳои Ашераро ибодат карданд+.
8 Ва хашми Худованд бар Исроил аланга гирифт, ва онҳоро ба
дасти Кушан-Ришъотаим, ки подшоҳи Арам-наҳрайн буд, супурд, ва
банӣ-Исроил ҳашт сол ба Кушан-Ришъотаим хизмат карданд.
9 Ва банӣ-Исроил сӯи Худованд истиғоса бурданд, ва Худованд
барои банӣ-Исроил наҷотдиҳандае ба майдон овард, ки ӯ онҳоро
наҷот дод: ӯ Отниил ибни Қеназ, додари хурдии Колеб буд+.
10 Ва Рӯҳи Худованд бар ӯ буд, ва Исроилро доварӣ менамуд; ва
барои ҷанг берун омад, ва Худованд Кушан-Ришъотаимро, ки
подшоҳи Арам-наҳрайн буд, ба дасти ӯ таслим кард, ва ӯ бар Кушан-
Ришъотаим дастболо шуд+.
11 Ва замин чил сол ором ёфт; ва Отниил ибни Қеназ вафот ёфт.

## Бори дуюм аз Худо дур шуданд; довари дуюм — Эҳуд.

12 Ва аз нав банӣ-Исроил он чи дар назари Худованд бад буд, ба
амал оварданд; ва Худованд Аҷлӯнро, ки подшоҳи Мӯоб буд, бар
Исроил ғолиб сохт, чунки онҳо он чи дар назари Худованд бад буд, ба
амал оварданд.
13 Ва ӯ банӣ-Аммӯн ва Амолеқро назди худ ҷамъ кард, ва омада, ба
Исроил зарба расонид, ва онҳо шаҳри Хурмозорро гирифтанд.
14 Ва банӣ-Исроил ба Аҷлӯн — подшоҳи Мӯоб — ҳаждаҳ сол хизмат
карданд.
15 Ва банӣ-Исроил сӯи Худованд истиғоса бурданд, ва Худованд
барои онҳо наҷотдиҳандае, яъне Эҳуд ибни Ҷерои биньёминиро, ки
марди чапдасте буд, ба майдон овард; ва банӣ-Исроил ба воситаи ӯ ба
Аҷлӯн — подшоҳи Мӯоб — ҳадия фиристоданд+.
16 Ва Эҳуд барои худ шамшери дудамае ки дарозияш як зироъ буд,
сохт, ва онро дар таги ҷомаи худ, бар рони росташ овехт.
17 Ва ҳадияро ба Аҷлӯн — подшоҳи Мӯоб — пешкаш намуд; ва
Аҷлӯн шахси бағоят фарбеҳ буд.
18 Ва чун пешкаш кардани ҳадияро анҷом дод, одамонеро, ки
ҳадияро бардошта оварда буданд, гуселонид.
19 Ва худаш аз пеши санамҳое ки назди Ҷилҷол буд, баргашта,
гуфт: «Сухани махфие барои ту дорам, эй подшоҳ». Вай гуфт:
«Хомӯш!» Ва ҳамаи ҳозирон аз пеши вай баромаданд.
20 Ва Эҳуд ба вай наздик омад, дар сурате ки вай дар болохонаи
салқин танҳо нишаста буд; ва Эҳуд гуфт: «Каломе аз ҷониби Худо
барои ту дорам». Вай аз курсӣ бархост.
21 Ва Эҳуд дасти чапи худро дароз карда, шамшерро аз болои рони
рости худ гирифт, ва онро ба шиками вай халонид,
22 Ба тавре ки дастаи он низ бо теғаш фурӯ рафт, ва чарбу теғро
пӯшонид, зеро ки шамшерро аз шиками вай кашида набаровард; ва
наҷосати вай зада баромад.
23 Ва Эҳуд ба роҳрав баромада, дарҳои болохонаро аз пушти вай
баст ва қуфл кард.
24 Ва чун ӯ берун рафт, навкарони вай омада диданд, ки инак,
дарҳои болохона қуфл аст; ва дар дили худ гуфтанд: «Яқинан, вай дар
хонаи салқин ба ҳоҷат бархостааст».

[25] Ва хеле вақт маътал монданд, ва инак, вай дарҳоро намекушояд;
ва онҳо калидро гирифта, кушоданд, ва инак, оғояшон бар замин
мурда хобидааст.
[26] Ва Эҳуд дар замоне ки онҳо интизор меистоданд, нопадид гашт,
ва аз пеши санамҳо гузашта, ба сӯи Саиро гурехт.
[27] Ва ҳамин ки ба он ҷо расид, бар кӯҳи Эфроим шох навохт; ва
банӣ-Исроил бо ӯ аз кӯҳ фурӯд омаданд, ва ӯ пешопеши онҳо буд+.
[28] Ва ба онҳо гуфт: «Аз ақиби ман битозед, зеро ки Худованд
душмани шуморо ба дасти шумо супурдааст». Ва онҳо аз ақиби ӯ
фурӯд омаданд, ва маъбарҳои Урдунро, ки ҷониби Мӯоб буд,
гирифтанд, ва ҳеҷ якеро нагузоштанд, ки аз онҳо убур намояд+.
[29] Ва дар он вақт тақрибан даҳ ҳазор нафарро аз мӯобиён, яъне ҳар
паҳлавон ва ҷанговарро куштанд, ва ҳеҷ кас натавонист бигрезад.
[30] Ва Мӯоб дар он рӯз зери дасти Исроил итоат намуд, ва замин
ҳаштод сол ором ёфт.

## Шамҷар — довари сеюм.

[31] Ва баъд аз ӯ Шамҷар ибни Анот буд, ва шашсад нафарро аз
фалиштиён бо таёқи говронӣ зада кушт; ва ӯ низ Исроилро наҷот
дод+.

## Бори сеюм аз Худо дур шуданд. Доварони чорум ва панҷум.

4 [1] Ва баъд аз вафоти Эҳуд аз нав банӣ-Исроил он чи дар назари
Худо бад буд, ба амал оварданд+.
[2] Ва Худованд онҳоро ба дасти Ёбин подшоҳи Канъон, ки дар
Ҳосӯр подшоҳӣ мекард, супурд; ва сарлашкари вай Сисро буд, ки дар
Ҳарӯшет-Ҳаҷӯим сукунат дошт+.
[3] Ва банӣ-Исроил сӯи Худованд истиғоса бурданд; зеро ки вай
нӯҳсад аробаи оҳанин дошт, ва банӣ-Исроилро бист сол сахт ба танг
овард.
[4] Ва Дебӯрои набия, зани Лапидӯт, дар он замон Исроилро доварӣ
менамуд.
[5] Ва ӯ дар таги дарахти хурмои Дебӯро, ки дар байни Ромо ва
Байт-Ил дар кӯҳи Эфроим буд, менишаст, ва банӣ-Исроил назди ӯ
барои доварӣ меомаданд.
[6] Ва кас фиристода, Бороқ ибни Абинӯамро аз Қодеш-Нафтолӣ
даъват намуд, ва ба вай гуфт: «Инак, Худованд Худои Исроил амр
фармуд: „Бирав ва бар кӯҳи Тобӯр одамонро сафарбарӣ намо, ва аз
банӣ-Нафтолӣ ва банӣ-Забулун даҳ ҳазор нафар бо худ бигир+.
[7] Ва Ман сарлашкари Ёбин — Сисроро бо аробаҳо ва лашкари
сершумораш назди ту сӯи наҳри Қишӯн кашида оварда, ба дасти ту
хоҳам супурд“»+.
[8] Ва Бороқ ба ӯ гуфт: «Агар ту бо ман биравӣ, меравам, вале агар бо
ман наравӣ, намеравам».
[9] Ва ӯ гуфт: «Албатта бо ту меравам, аммо дар ин роҳе ки ту
меравӣ, ҷалол аз они ту нахоҳад буд, зеро ки Худованд Сисроро ба
дасти зане хоҳад супурд». Ва Дебӯро бархоста, бо Бороқ ба Қодеш
равона шуд.
[10] Ва Бороқ сибтҳои Забулун ва Нафтолиро ба Қодеш фарьёд кард,
ва даҳ ҳазор нафарро аз ақиби худ баровард; ва Дебӯро бо ӯ баромад.
[11] Ва Ҳобари Қенӣ аз қениён, яъне аз банӣ-Ҳубоби ақрабои
падарарӯси Мусо ҷудо шуда, хаймаи худро то Элӯн-Бесаананим, ки
назди Қодеш воқеъ аст, барафрошта буд+.
[12] Ва ба Сисро хабар доданд, ки Бороқ ибни Абинӯам ба кӯҳи Тобӯр
баромадааст.

[13] Ва Сисро ҳамаи аробаҳои худ, яъне нӯҳсад аробаи оҳанин, ва
тамоми қавмеро, ки бо ӯ буданд, аз Ҳарӯшет-Ҳаҷӯим сӯи наҳри
Қишӯн фарьёд кард.
[14] Ва Дебӯро ба Бороқ гуфт: «Бархез, зеро имрӯз рӯзест, ки
Худованд Сисроро ба дасти ту таслим хоҳад кард; инак, Худованд
пешопеши ту берун омадааст». Ва Бороқ аз кӯҳи Тобӯр фурӯд омад,
ва даҳ ҳазор нафар аз ақиби ӯ.
[15] Ва Худованд Сисро ва ҳамаи аробаҳо ва тамоми ӯрдуи ӯро пеши
Бороқ ошуфта гардонида, ба дами шамшери ӯ гирифтор кард, ва
Сисро аз болои ароба фурӯд омада, пои пиёда рӯ ба гурез овард+.
[16] Ва Бороқ аробаҳо ва ӯрдуро то Ҳарӯшет-Ҳаҷӯим таъқиб намуд;
ва тамоми ӯрдуи Сисро ба дами шамшер фурӯ ғалтиданд, як нафар
ҳам аз онҳо боқӣ намонд.
[17] Ва Сисро пои пиёда сӯи хаймаи Ёил, ки зани Ҳобари Қенӣ буд,
гурехт; зеро ки дар байни Ёбин подшоҳи Ҳосӯр ва хонадони Ҳобари
Қенӣ сулҳ буд.
[18] Ва Ёил ба пешвози Сисро баромада, ба вай гуфт: «Биё, эй оғоям,
назди ман биё, натарс». Вай назди ӯ ба хайма даромад, ва ӯ варо бо
палосе пӯшонид.
[19] Вай ба ӯ гуфт: «Маро каме об бинӯшон, зеро ки ташна мондаам».
Ӯ машки ширро кушода, варо нӯшонид, ва аз нав варо пӯшонид.
[20] Вай ба ӯ гуфт: «Назди дари хайма биист, ва агар касе биёяд ва аз
ту пурсида, бигӯяд: „Оё касе дар ин ҷо ҳаст?“ — бигӯй: „Не“».
[21] Ва Ёил, зани Ҳобар, мехи хаймаро кашида гирифт, ва болғаро ба
дасти худ гирифта, оҳистаяк назди вай омад, ва мехро ба чаккаи вай
кӯфт, ба тавре ки неши он ба замин фурӯ рафт; вай, ки ба сабаби
мондагии худ дар хоби сахт буд, мурд.
[22] Ва инак, Бороқ Сисроро таъқиб менамуд, ва Ёил ба пешвози ӯ
баромада, ба ӯ гуфт: «Биё, касеро, ки ту меҷӯӣ, ба ту нишон диҳам».
Ва ӯ назди вай даромад, ва инак, Сисро мурда афтодааст, ва мех дар
чаккаи ӯст.
[23] Ва Худо дар он рӯз Ёбин подшоҳи Канъонро пеши банӣ-Исроил
мутеъ гардонид.
[24] Ва дасти банӣ-Исроил бар Ёбин подшоҳи Канъон торафт бештар
сахт мешуд, то даме ки Ёбин подшоҳи Канъонро маҳв карданд.

## Суруди Дебӯро ва Борок̧.

5 [1] Ва дар он рӯз Дебӯро бо Борок̧ ибни Абинӯам чунин суруд гуфт:
[2] «Вак̧те ки ҳарҷумарҷ дар Исроил ба амал омад,
к̧авм ба ихтиёр ғайрат карданд.
Худовандро ҷалол диҳед!
[3] Бишнавед, эй подшоҳон! Гӯш диҳед, эй ҳокимон!
Ман барои Худованд, ман хоҳам сароид,
ман барои Худованд Худои Исроил суруд хоҳам хонд!
[4] Худовандо, вак̧те ки Ту аз Сеир берун омадӣ,
вак̧те ки Ту аз дашти Адӯм к̧адамгузор шудӣ,
замин ба ларза омад, осмон низ к̧атра боронид;
абрҳо низ об боронид+.
[5] Кӯҳҳо аз ҳузури Худованд гудохта шуд,
мисли Сино аз ҳузури Худованд Худои Исроил!+
[6] Дар айёми Шамҷар ибни Анот,
дар айёми Ёил шоҳроҳҳо холо гардида буд,
ва роҳсипорон бо роҳҳои ғайримустак̧им равона мешуданд+.
[7] Саркардагон дар Исроил аз миён рафта, бок̧ӣ намонда буданд,
то даме ки ман, Дебӯро, бархостам,
ман дар Исроил ҳамчун модар бархостам.
[8] Худоёни навро ихтиёр карданд,
аз ин рӯ ҷанг ба дарвозаҳо расид;
дар миёни чил ҳазор нафар дар Исроил сипаре ва найзае дида нашудааст+.
[9] Дили ман ба сарварони Исроил илтифот дорад,
ва ба онҳое низ, ки аз миёни к̧авм ба ихтиёр ғайрат кардаанд.
Худовандро ҷалол диҳед!
[10] Эй онҳое ки бар харони сафед савор шуда мегардед,
ва онҳое ки бар кӯрпачаҳо менишинед,
ва онҳое ки дар роҳ равона мешавед, мадҳ гӯед!
[11] Дар зери садои тирандозони назди обхӯраҳо,
дар он ҷо аъмоли наҷотбахши Худовандро,
наҷотеро, ки Ӯ ба саркардагони Исроил бахшидааст, ситоиш мекунанд.

Он гоҳ қавми Худованд назди дарвозаҳо фурӯд омаданд.
12 Бедор шав, бедор шав, эй Дебӯро!
Бедор шав, бедор шав, суруде бигӯй!
Бархез, эй Борок, ва асирони худро ба асирӣ бибар, эй ибни Абинӯам!+
13 Он гоҳ Ӯ бақияи камшуморро бар нерумандони қавм ҳукмфармо сохт;
Худованд маро бар баҳодурон ҳукмфармо сохт.
14 Аз ҷониби Эфроим онҳое омаданд, ки решаашон дар
кӯҳи Амолек аст;
аз қафои ту — Биньёмин бо мардуми сершумори ту;
аз ҷониби Мокир фармондеҳон фурӯд омаданд,
ва аз ҷониби Забулун — онҳое ки асои муншӣ дар дасташон буд+.
15 Ва сарварони Иссокор бо Дебӯро буданд;
ва мардуми Иссокор, мисли Борок,
аз қафои ӯ ба водӣ шитофтанд;
дар ҳиссаҳои қабилаи Реубен андешаҳои дил бисьёр буд.
16 Чаро дар миёни қӯраҳо нишастаӣ,
то ки найҳои рамабононро бишнавӣ?
Дар ҳиссаҳои Реубен фикру андешаҳои дил бисьёр буд.
17 Ҷилъод дар он тарафи Урдун сокин буд,
ва Дон чаро назди киштиҳо истод?
Ошер дар соҳили баҳр нишаст,
ва назди халиҷҳои худ сукунат дошт+.
18 Забулун қавме буданд, ки ҷони худро дар хатари мурдан гузоштанд,
ва Нафтолӣ низ дар баландиҳои саҳро+.
19 Подшоҳон омада, ҷанг карданд;
он вақт подшоҳони Канъон дар Таънак назди обҳои Маҷиддӯ ҷанг карданд,
лекин ҳеҷ музде бо нуқра нагирифтанд+.
20 Аз осмон ҷанг карданд, — ситорагон аз мадори худ бо Сисро ҷанг карданд.
21 Наҳри Қишӯн онҳоро ғарқ кард, —
наҳри қадимӣ, наҳри Қишӯн.
Бо тамоми қувват, эй ҷони ман, душманро поймол кардӣ!+

22 Он гоҳ сумҳои аспон ба сабаби гурезогурези
зӯроварони вай заминро кӯфтан гирифт.
23 Мерӯзро лаънат кунед! — мегӯяд фariштаи Худованд, —
сокинони онро сахт лаънат кунед,
зеро ки ба мадади Худованд наомаданд,
то ки Худовандро дар миёни баҳодурон дастгирӣ намоянд.
24 Бигзор Ёил, зани Ҳобари Қенӣ,
бештар аз занони дигар муборак бод,
бештар аз ҳамаи занони хайманишин муборак бод!+
25 Вай об талабид, ӯ шир дод,
дар косаи мирон қаймоқ овард;+
26 Дасти худро ба мех дароз кард,
ва ямини худро — ба путки коргарон;
ва Сисроро зарба зад, сари варо кафонид,
чаккаи варо шикофта, ба замин дӯхт+.
27 Вай пеши пойҳои ӯ калла хам кард ва афтода, хобид;
пеши пойҳои ӯ калла хам карда, афтод;
дар ҷое ки калла хам кард, ҷон дода, афтод.
28 Модари Сисро аз тиреза нигоҳ мекунад
ва аз пушти панҷара фиғон мекашад:
„Чаро аробаи ӯ дар омадан таъхир менамояд?
Чаро чархҳои аробаҳояш даранг мекунад?“
29 Хотунҳои донои вай ба вай ҷавоб мегардонанд,
худаш низ чунин суханонашро барои худ такрор менамояд:
30 „Яқин аст, ки онҳо ғаниматеро ёфта, тақсим мекунанд:
як духтар, ду духтар барои ҳар мард,
ғанимати либосҳои рангоранг барои Сисро,
— ғанимати либосҳои рангоранге ки гулдӯзӣ карда шудааст;
матои гаронбаҳои дорои гулдӯзии дурӯя,
ки аз гардани асирон ба ғанимат гирифта шудааст“.
31 Бигзор ҳамин тавр ҳамаи душманонат маҳв шаванд, эй Худованд!
Вале дӯстдорони Ӯ бигзор мисли офтобе бошанд, ки бо тамоми
қувваташ тулӯъ мекунад!»
Ва замин чил сол ором ёфт+.

## Бори чорум аз Худо дур шуда, гирифтори ғуломӣ гардиданд; довари шашум — Ҷидъӯн.

**6** [1] Ва банӣ-Исроил он чи дар назари Худованд бад буд, ба амал
оварданд, ва Худованд онҳоро ҳафт сол ба дасти Мидьён таслим
кард+.
[2] Ва дасти Мидьён бар Исроил чунон гарон омад, ки банӣ-Исроил,
барои паноҳ шудан аз Мидьён, барои худ гузаргоҳҳои зерикӯҳӣ,
мағораҳо ва истеҳкомҳо сохтанд.
[3] Ва ҳангоме ки банӣ-Исроил кишт мекарданд, мардуми Мидьён
ва Амолеқ ва аҳли машриқ пайдо шуда, бар онҳо ҳуҷум меоварданд.
[4] Ва назди онҳо ҷойгир шуда, тамоми ҳосили заминро то худди
Ғазза несту нобуд мекарданд, ва барои зиндагии Исроил ҳеҷ
хӯрокворӣ ва гӯсфанд ва гов ва хар боқӣ намегузоштанд+.
[5] Зеро ки онҳо бо чорвои худ ва бо хаймаҳои худ меомаданд, ва
мисли малах бисьёр буданд, ба тавре ки худашон ва шутурҳошон
сону шумор надоштанд; ва ба ин замин меомаданд, то ки онро
валангор кунанд.
[6] Ва банӣ-Исроил аз дасти Мидьён бағоят бенаво гардиданд, ва
банӣ-Исроил сӯи Худованд истиғоса бурданд.
[7] Ва чун банӣ-Исроил сӯи Худованд аз зулми Мидьён истиғоса
бурданд,
[8] Худованд марди набие назди банӣ-Исроил фиристод, ва ӯ ба
онҳо гуфт: «Худованд Худои Исроил чунин мегӯяд: Ман шуморо аз
Миср берун овардам, ва шуморо аз хонаи ғуломӣ берун овардам;
[9] Ва шуморо аз дасти мисриён ва аз дасти ҳамаи онҳое ки ба шумо
ситам мекарданд, раҳо намудам; ва онҳоро аз пеши шумо бадар
ронда, заминашонро ба шумо додам+.
[10] Ва ба шумо гуфтам: Ман Худованд Худои шумо ҳастам. Аз
худоёни амӯриён, ки дар заминашон маскан гирифтаед, натарсед;
вале шумо овози Маро нашнидед».
[11] Ва фариштаи Худованд омада, зери дарахти пистае ки дар Ӯфро
аз они Юоши Абиэзрӣ буд, нишаст, ва писараш Ҷидъӯн гандумро дар
чархушт мекӯфт, то ки онро аз Мидьён пинҳон кунад+.
[12] Ва фариштаи Худованд ба ӯ зоҳир шуда, гуфт: «Худованд бо
туст, эй марди диловар!»

13 Ҷидъӯн ба вай гуфт: «Эй оғои ман, агар Худованд бо мо бошад,
чаро ин ҳама ба сари мо омадааст? Ва куҷост ҳамаи корҳои аҷоиби Ӯ,
ки падарони мо ба мо ҳикоят карда, гуфтанд, ки Худованд моро аз
Миср берун овард? Ва алҳол Худованд моро тарк карда, ба дасти
Мидьён таслим намудааст»+.
14 Ва Худованд ба ӯ рӯй оварда, гуфт: «Бо ин қуввати худ бирав, ва
Исроилро аз дасти Мидьён наҷот деҳ; Ман туро мефиристам».
15 Ва дар ҷавоби Ӯ гуфт: «Худовандо, ман Исроилро чӣ гуна
метавонам наҷот диҳам? Инак, хонаводаи ман дар сибти Менашше аз
ҳама бенавотар аст, ва ман дар хонаи падарам аз ҳама ҷавонтарам»+.
16 Ва Худованд ба ӯ гуфт: «Ман бо ту хоҳам буд, ва ту Мидьёнро
мисли як касе шикаст хоҳӣ дод»+.
17 Ва дар ҷавоби Ӯ гуфт: «Агар ман дар назарат илтифот ёфта
бошам, аломате ба ман бинамо, ки Ту бо ман сухан меронӣ;+
18 Лутфан, аз ин ҷо нарав, то даме ки назди Ту баргардам ва
ҳадияи худро оварда, пеши Ту бимонам». Ва Ӯ гуфт: «То вақти
баргаштани ту Ман интизор хоҳам истод»+.
19 Ва Ҷидъӯн рафта, таом аз гӯшти бузғола ва фатир аз як эфа орд
тайёр кард, гӯштро дар сабад ва шӯрборо дар коса андохт, ва зери
дарахти писта оварда, пеши Ӯ монд.
20 Ва фариштаи Худо ба ӯ гуфт: «Гӯшт ва фатирҳоро гирифта, бар
ин сахра бимон, ва шӯрборо бирез». Ӯ чунин кард+.
21 Ва фариштаи Худованд нӯги асоеро, ки дар дасташ буд, дароз
карда, ба гӯшт ва фатирҳо расонид; ва оташе аз сахра баромада, гӯшт
ва фатирҳоро фурӯ бурд; ва фариштаи Худованд аз пеши назари ӯ
нопадид шуд+.
22 Ва Ҷидъӯн фаҳмид, ки ин фариштаи Худованд аст, ва Ҷидъӯн
гуфт: «Эй вой ба ман, Худоё Худовандо! Чунки фариштаи Худовандро
рӯ ба рӯ дидаам»+.
23 Ва Худованд ба ӯ гуфт: «Осоиштагӣ бар ту бод, натарс, нахоҳӣ
мурд».
24 Ва Ҷидъӯн дар он ҷо курбонгоҳе барои Худованд сохт, ва онро
Худованд-Осоиштагӣ хонд; он то имрӯз дар Ӯфрои Абиэзрӣ мавҷуд
аст.
25 Ва дар он шаб чунин воқеъ шуд, ки Худованд ба ӯ гуфт:
«Наргоеро, ки аз они падари туст, ва наргови дуюми ҳафтсоларо

бигир; ва қурбонгоҳи Баалро, ки аз они падари туст, вайрон кун, ва
бути чӯбини Ашераро, ки бар он аст, бишкан.
26 Ва барои Худованд Худои худ бар сари ин сахра қурбонгоҳе бар
тибқи таомул бисоз; ва наргови дуюмро гирифта, бар чӯбҳои бути
Ашера, ки шикастаӣ, ҳамчун қурбонии сӯхтанӣ биёр».
27 Ва Ҷидъӯн даҳ нафар аз ғуломонаш гирифт, ва он чи Худованд
ба ӯ гуфта буд, ба ҷо овард; ва азбаски аз хонадони падараш ва аз
мардуми шаҳр метарсид, ки ин корро рӯзона ба ҷо оварад, ӯ онро
шабона ба ҷо овард.
28 Ва бомдодон мардуми шаҳр бархостанд, ва инак, курбонгоҳи
Баал вайрон, ва бути Ашера, ки бар он буд, шикаста шудааст; ва
наргови дуюм бар қурбонгоҳи навобод ҳамчун қурбонии сӯхтанӣ
оварда шудааст.
29 Ва ба якдигар гуфтанд: «Кист, ки ин корро кардааст?» Ва
пурсупос ва тафтиш намуда, гуфтанд: «Ҷидъӯн ибни Юош ин корро
кардааст».
30 Ва мардуми шаҳр ба Юош гуфтанд: «Писаратро берун барор, то
бимирад, зеро ки қурбонгоҳи Баалро вайрон кардааст ва бути
Ашераро, ки бар он буд, шикастааст».
31 Ва Юош ба ҳамаи онҳое ки дар пеши ӯ истода буданд, гуфт: «Оё
шумо Баалро тарафгирӣ менамоед? Оё шумо варо раҳо мекунед? Хар
кӣ варо тарафгирӣ намояд, то субҳидам кушта хоҳад шуд! Агар вай
Худо бошад, бигзор худро тарафгирӣ намояд, зеро ки қурбонгоҳи
варо ӯ вайрон кардааст».
32 Ва дар он рӯз ӯро Ерубаал номида, гуфт: «Бигзор Баал бо ӯ талош
намояд, зеро ки курбонгоҳи варо вайрон кардааст».
33 Ва тамоми Мидьён ва Амолеқ ва аҳли машриқ якҷоя ҷамъ
шуданд, ва аз наҳр убур намуда, дар водии Изреъил ӯрду заданд+.
34 Ва Рӯҳи Худованд Ҷидъӯнро фаро гирифт; ва ӯ шох навохт, ва
аҳли Абиэзер дар ақиби ӯ ҷамъ шуданд+.
35 Ва ба тамоми сибти Менашше қосидон фиристод, ва онҳо низ
дар ақиби ӯ ҷамъ шуданд; ба сибтҳои Ошер, Забулун ва Нафтолӣ низ
қосидон фиристод, ва онҳо ба пешвозашон баромаданд.
36 Ва Ҷидъӯн ба Худо гуфт: «Агар Ту Исроилро бо дасти ман наҷот
доданӣ бошӣ, чунон ки гуфтаӣ,

[37] Инак, ман дар хирмангоҳ як миқдор пашми тарошидашударо
паҳн карда мемонам: агар шабнам фақат бар пашм буда, тамоми
замин хушк бошад, хоҳам донист, ки Ту Исроилро бо дасти ман наҷот
медиҳӣ, чунон ки гуфтаӣ».
[38] Ва ҳамин тавр ба амал омад: бомдодон ӯ бармаҳал бархоста,
пашмро пахш кард, ва як коса аз оби шабнам пур шуд.
[39] Ва Ҷидъӯн ба Худо гуфт: «Хашми Ту бар ман аланга нагирад,
агар боз бигӯям, ки ман як бори дигар пашмро хоҳам озмуд: бигзор
фақат пашм хушк монад, вале бар тамоми замин шабнам бошад».
[40] Ва Худо дар он шаб ҳамин тавр кард: фақат пашм хушк монд,
вале бар тамоми замин шабнам буд.

## Тайёрӣ ба ҳарбу зарб бар зидди Мидьён.

7 [1] Ва Ерубаал, ки Ҷидъӯн бошад, ва тамоми қавме ки бо ӯ
буданд, субҳидам бархоста, назди чашмаи Ҳарӯд ӯрду заданд; ва
ӯрдуи Мидьён ба тарафи шимолии Ҷабъаи Мӯре, дар водӣ буд.
[2] Ва Худо ба Ҷидъӯн гуфт: «Қавме ки бо ту ҳастанд, бештар аз
онанд, ки Мидьёнро ба дасти онҳо таслим намоям, мабодо Исроил ба
ҳузури Ман фахр карда, гӯянд, ки „дасти мо моро наҷот дод“+.
[3] Ва акнун ба гӯши қавм хитоб намуда, бигӯй: „Ҳар кӣ тарсончак
ва беҷуръат бошад, бигзор аз кӯҳи Ҷилъод гашта равад“». Ва бисту ду
ҳазор нафар аз қавм гашта рафтанд, ва даҳ ҳазор нафар боқӣ
монданд+.
[4] Ва Худованд ба Ҷидъӯн гуфт: «Қавм ҳанӯз бисьёранд; онҳоро
назди об фурӯд ор, то ки дар он ҷо Ман барои ту аз онҳо интихоб
намоям; ва ҳангоме ки дар бораи касе ба ту бигӯям: „Ин бо ту
биравад“, — вай бо ту хоҳад рафт, ва дар бораи касе ба ту бигӯям: „Ин
бо ту наравад“, — вай нахоҳад рафт».
[5] Ва қавмро назди об фурӯд овард. Ва Худованд ба Ҷидъӯн гуфт:
«Ҳар кӣ обро бо забони худ бинӯшад, чунон ки саг менӯшад, варо
танҳо бигузор, ва ҳар киро низ, ки ба зонуи худ хам шуда бинӯшад».
[6] Ва шумораи онҳое ки даст ба даҳон оварда нӯшиданд, сесад
нафар буд; ва тамоми бақияи қавм ба зонуи худ хам шуда, об
нӯшиданд.

## Ҷидъӯн сесад мардро ҷудо мекунад.

[7] Ва Худованд ба Ҷидъӯн гуфт: «Бо ин сесад нафар, ки даст ба
даҳон оварда нӯшиданд, Ман шуморо наҷот хоҳам дод, ва Мидьёнро
ба дасти ту таслим хоҳам намуд, ва тамоми қавм бигзор ҳар яке ба
макони худ бираванд».
[8] Ва он мардон тӯшаи қавм ва шохҳои худро ба дасти худ
гирифтанд, ва бақияи исроилиёнро ӯ ба хаймаҳошон фиристода,
сесад нафарро нигоҳ дошт; ва ӯрдуи Мидьён дар поёни ӯ, дар водӣ
буданд.
[9] Ва дар ҳамон шаб Худованд ба ӯ гуфт: «Бархоста, ба ӯрду фурӯд
ой, зеро ки онро ба дасти ту таслим намудаам.

[10] Ва агар ту аз фурӯд омадан метарсида бошӣ, бо навкари худ
Фуро ба ӯрду фурӯд ой.
[11] Ва чун бишнавӣ, ки онҳо чӣ мегӯянд, баъд аз он дастҳои ту кавӣ
хоҳад гардид, ва ба ӯрду фурӯд хоҳӣ омад». Ва ӯ бо ҳамроҳии
навкараш Фуро ба канори дастаи пешгарди мусаллаҳе ки дар ӯрду
буд, фурӯд омад.
[12] Ва Мидьён ва Амолеқ ва тамоми аҳли машриқ, ки дар водӣ ӯрду
зада буданд, мисли малах сершумор буданд; ва шутурони онҳо сону
шумор надошт, мисли реге ки дар соҳили баҳр аст, бисьёр буд+.
[13] Ва Ҷидъӯн омад. Ва инак, касе ба рафиқаш хоби худро ҳикоят
карда, мегӯяд: «Ман хоб дидам, ки як қурси нони ҷавин дар ӯрдуи
Мидьён ғелида омада, ба хаймае расид, ва онро зада чаппаву роста
кард, ва хайма фурӯ ғалтид».
[14] Ва рафиқаш дар ҷавоб гуфт: «Ин ҷуз шамшери Ҷидъӯн ибни
Юош, марди исроилӣ, чизи дигаре нест. Мидьён ва тамоми ӯрдуро
Худо ба дасти вай таслим кардааст».
[15] Ва ҳамин ки Ҷидъӯн ҳикояти хоб ва таъбири онро шунид, саҷда
бурда, ба ӯрдуи Исроил баргашт, ва гуфт: «Бархезед! Зеро ки
Худованд ӯрдуи Мидьёнро ба дасти шумо таслим кардааст».

## Ғалаба бар Мидьён.

[16] Ва сесад нафарро ба се фавҷ тақсим намуд, ва ба дасти ҳамаи
онҳо шохҳо ва кӯзаҳои холӣ дод, ва андаруни кӯзаҳо машъалҳо буд+.
[17] Ва ба онҳо гуфт: «Ба ман нигоҳ карда, мисли ман амал намоед.
Инак, ман ба канори ӯрду мерасам, ва ҳар чи ман бикунам, шумо
ончунон бикунед.
[18] Ва ҳангоме ки ман ва ҳамаи онҳое ки бо ман ҳастанд, шох
навозем, шумо низ гирдогирди тамоми ӯрду шохҳоро бинавозед ва
фарьёд зада, бигӯед: „Барои Худованд ва барои Ҷидъӯн!“»+
[19] Ва Ҷидъӯн ва сад нафаре ки бо ӯ буданд, ба канори ӯрду дар
ибтидои поси миёна, вақте ки посбонон навакак иваз шуда буданд,
расида, шохҳоро навохтанд ва кӯзаҳоро, ки дар дасташон буд,
шикастанд.
[20] Ва ҳар се фавҷ шохҳоро навохтанд, ва кӯзаҳоро шикастанд, ва
машъалҳоро дар дасти чапашон ва шохҳоро дар дасти росташон

нигоҳ дошта, менавохтанд ва фарьёд мезаданд: «Шамшер барои
Худованд ва барои Ҷидъӯн!»
[21] Ва ҳар яке дар ҷои худ гирдогирди ӯрду истоданд; ва тамоми
ӯрду давида ва фарьёд зада, рӯ ба гурез ниҳоданд.
[22] Ва сесад шох як зайл менавохт, ва Худованд шамшери ҳар якеро
сӯи рафиқаш нигаронид, ва дар тамоми ӯрду вазъият чунин буд, ва
ӯрду то Байт-Ҳашитто ба сӯи Сареро ва то канори Обил-Маҳӯло, ки
назди Таббот аст, гурехтанд+.
[23] Ва исроилиён аз Нафтолӣ ва Ошер ва тамоми Менашше ҷамъ
шуда, Мидьёнро таъқиб карданд.
[24] Ва Ҷидъӯн ба тамоми кӯҳи Эфроим қосидон фиристода, гуфт:
«Ба пешвози Мидьён фурӯд оед ва онҳоро аз манбаъҳои об то Байт-
Боро ва аз маъбарҳои Урдун маҳрум созед». Ва тамоми мардуми
Эфроим ҷамъ шуда, манбаъҳои обро то Байт-Боро, ва маъбарҳои
Урдунро ишғол карданд+.
[25] Ва ду мири Мидьён — Ӯриб ва Заиброро дастгир карда, Ӯриброро дар
Сур-Ӯриб, ва Заиброро дар Еқеб-Заиб куштанд, ва Мидьёнро таъқиб
карданд; ва каллаи Ӯриб ва Заиброро аз он тарафи Урдун назди Ҷидъӯн
оварданд+.

## Хархашаи сибти Эфроим. Аъмоли Ҷидъӯн ва фавти ӯ.

8 [1] Ва мардуми Эфроим ба ӯ гуфтанд: «Ин чӣ кор аст, ки ба мо
кардӣ, яъне вақте ки бар зидди Мидьён ба ҷанг рафтӣ, моро
даъват нанамудӣ?» Ва ба ӯ сахт хархаша карданд+.
[2] Вале ӯ ба онҳо гуфт: «Алҳол ман чӣ коре мисли шумо кардаам?
Оё шингилҳои охирине ки Эфроим чидааст, аз тамоми ангурчинии
Абиэзер беҳтар нест?
[3] Мирони Мидьён, Ӯриб ва Заибро Худо ба дасти шумо таслим
намуд, ва ман чӣ коре мисли шумо метавонистам бикунам?» Вақте
ки ӯ ин суханонро гуфт, хашмашон аз ӯ фурӯ нишаст+.
[4] Ва Ҷидъӯн ба Урдун расид; ӯ ва сесад нафаре ки ҳамроҳаш
буданд, убур карданд. Онҳо монда шуда буданд, вале ҳанӯз таъқиб
менамуданд.
[5] Ва ӯ ба мардуми Суккӯт гуфт: «Лутфан, ба қавме ки дар ақиби
ман равонанд, нон бидиҳед, зеро ки онҳо монда шудаанд, ва ҳол он
ки ман подшоҳони Мидьён, Забаҳ ва Салмуноъро таъқиб
менамоям»+.
[6] Вале мирони Суккӯт гуфтанд: «Магар кафи Забаҳ ва Салмуноъ
аллакай дар дасти туст, то ки ба лашкари ту нон диҳем?»+
[7] Ва Ҷидъӯн гуфт: «Ба ин сабаб, вақте ки Худованд Забаҳ ва
Салмуноъро ба дасти ман таслим намояд, ман гӯшти бадани шуморо
бо хорҳои биёбон ва бо янтоқҳо хоҳам кӯфт».
[8] Ва аз он ҷо ӯ ба Фануил рафта, ба мардумаш айни ҳамон суханро
гуфт, ва онҳо ба ӯ он гуна ҷавоб доданд, ки мардуми Суккӯт ҷавоб
дода буданд+.
[9] Ва ӯ ба мардуми Фануил низ гуфт: «Вақте ки ба саломатӣ
баргардам, ин бурҷро вайрон хоҳам кард».
[10] Ва Забаҳ ва Салмуноъ дар Қарқӯр буданд, ва ӯрдуи онҳо
тақрибан аз понздаҳ ҳазор нафар иборат буд, ки инҳо аз тамоми
ӯрдуи аҳли машриқ боқӣ монда буданд, чунки саду бист ҳазор нафар
мардони ҷангӣ несту нобуд шуда буданд.
[11] Ва Ҷидъӯн бо роҳи хайманишинон ба тарафи шарқии Нӯвоҳ ва
Ёҷбеҳо баромада, ӯрдуро зарба зад, дар сурате ки ӯрду бепарво
мезистанд+.

[12] Забаҳ ва Салмуноъ рӯ ба гурез оварданд, ва ӯ онҳоро таъқиб
менамуд, ва ду подшоҳи Мидьён, Забаҳ ва Салмуноъро дастгир кард,
ва тамоми ӯрду ба ҳарос афтоданд.
[13] Ва Ҷидъӯн ибни Юош аз баландии Ҳорас аз ҷанг баргашт.
[14] Ва амрадеро аз мардуми Суккӯт дастгир карда, аз вай пурсупос
намуд, ва вай барои ӯ номҳои мирони Суккӯт ва пирони онро, ки
ҳафтоду ҳафт нафар буданд, навишт.
[15] Ва ӯ назди мардуми Суккӯт омада, гуфт: «Инак Забаҳ ва
Салмуноъ, ки дар бораи онҳо шумо тамасхур намуда, гуфтед: „Магар
кафи Забаҳ ва Салмуноъ аллакай дар дасти туст, то ки ба одамони
хастаи ту нон диҳем?“»
[16] Ва пирони шаҳр ва хорҳои биёбон ва янтоқҳоро гирифта, бо
онҳо мардуми Суккӯтро ба ҷазо мустаҳиқ намуд.
[17] Ва бурҷи Фануилро вайрон карда, мардуми шаҳрро кушт+.
[18] Ва ба Забаҳ ва Салмуноъ гуфт: «Онҳое ки шумо дар Тобӯр
куштед, чӣ гуна одамон буданд?» Ва гуфтанд: «Онҳо мисли ту
буданд, ҳар яке намуди шоҳзодаро дошт».
[19] Ва ӯ гуфт: «Онҳо бародарони ман, писарони модари ман буданд.
Ба Худованди Ҳай қасам, ки агар онҳоро зинда нигоҳ медоштед, ман
шуморо намекуштам».
[20] Ва ба нахустзодаи худ Етер гуфт: «Бархез ва онҳоро бикуш!»
Лекин амрад шамшери худро накашид, зеро ки метарсид, чунки
ҳанӯз амрад буд.
[21] Ва Забаҳ ва Салмуноъ гуфтанд: «Бархез ва моро бикуш, зеро ки
мардро мардонагӣ месозад». Ва Ҷидъӯн бархоста, Забаҳ ва
Салмуноъро кушт, ва ҳилолҳои зарринро, ки бар гардани
шутурҳошон буд, гирифт+.
[22] Ва исроилиён ба Ҷидъӯн гуфтанд: «Бар мо салтанат бирон, ҳам
худат, ҳам писарат, ҳам писари писарат; зеро ки ту моро аз дасти
Мидьён раҳо кардӣ»+.
[23] Вале Ҷидъӯн ба онҳо гуфт: «Ман бар шумо салтанат нахоҳам
ронд, писарам низ бар шумо салтанат нахоҳад ронд; Худованд бар
шумо салтанат хоҳад ронд».
[24] Ва Ҷидъӯн ба онҳо гуфт: «Аз шумо хоҳише дорам, ки ҳар яке аз
шумо гӯшвораe аз ғанимати худ ба ман бидиҳад». Зеро ки исмоилиён
гӯшвораҳои тилло доштанд+.

25 Ва гуфтанд: «Албатта хоҳем дод». Ва пероҳане паҳн карда, ҳар
яке гӯшвораеро аз ғанимати худ дар он андохтанд.
26 Ва вазни гӯшвораҳои тиллое ки ӯ талабид, ҳазору ҳафтсад сиқли
тилло буд, ғайр аз ҳилолҳо ва ҳалқаҳо ва либосҳои арғувоне ки бар
подшоҳони Мидьён буд, ва ғайр аз гарданбандҳое ки бар гардани
шутурҳошон буд.
27 Ва Ҷидъӯн аз он тилло эфӯд сохта, онро дар шаҳри худ Ӯфро
гузошт; ва ҳамаи исроилиён аз пушти он дар он ҷо ба бутпарастӣ
дода шуданд, ва он барои Ҷидъӯн ва хонадони ӯ доме гардид+.
28 Ва аҳли Мидьён пеши банӣ-Исроил итоат карданд, ва дигар сари
худро набардоштанд; ва замин дар айёми Ҷидъӯн чил сол ором ёфт.
29 Ва Ерубаал ибни Юош рафта, дар хонаи худ умр ба сар бурд.
30 Ва Ҷидъӯн ҳафтод писар дошт, ки аз камари ӯ ба вуҷуд омада
буданд, зеро ки занонаш бисьёр буданд.
31 Ва суррияе ки ӯ дар Шакем дошт, вай низ барои ӯ писаре зоид, ва
ӯ ин писарро Абималик ном монд+.
32 Ва Ҷидъӯн ибни Юош дар пирии некӯ вафот ёфт, ва дар
мақбараи падараш Юош дар Ӯфрои Абиэзрӣ дафн карда шуд.

## Бори панҷум аз Худо дур шуда, ошӯб бардоштанд.

33 Ва чунин воқеъ шуд, ки чун Ҷидъӯн вафот ёфт, банӣ-Исроил аз
нав ба ибодати Баалҳо дода шуданд, ва Баал-Бритро худои худ
донистанд.
34 Ва банӣ-Исроил Худованд Худои худро ба ёд наоварданд, ки Ӯ
онҳоро аз дасти ҳамаи душманоне ки дар гирду пеши худ доштанд,
раҳо карда буд.
35 Ва ба хонадони Ерубаал, ки Ҷидъӯн бошад, ба хотири тамоми
некие ки ӯ ба Исроил карда буд, эҳсон нанамуданд.

## Суиқасди Абималик.

9 1 Ва Абималик ибни Ерубаал назди бародарони модараш ба
Шакем рафт; ва ба онҳо ва ба тамоми қабилаи хонадони падари
модараш сухан ронда, гуфт:
2 «Лутфан, дар гӯшҳои ҳамаи сокинони Шакем бигӯед: „Барои
шумо кадомаш беҳтар аст: оё бар шумо ҳафтод нафар, яъне ҳамаи
писарони Ерубаал салтанат ронанд, ё ки бар шумо як нафар салтанат
ронад?“ Ва ба ёд оваред, ки ман устухон ва гӯшти шумо ҳастам».
3 Ва бародарони модараш дар бораи ӯ дар гӯшҳои ҳамаи сокинони
Шакем ҳамаи ин суханонро гуфтанд; ва дили онҳо ба тарафдории
Абималик моил шуд, зеро ки гуфтанд: «Ӯ бародари мост».
4 Ва аз хонаи Баал-Брит ҳафтод сиқл нуқра ба ӯ доданд; ва
Абималик одамони бемулоҳиза ва лоуболро ба он нуқра киро кард,
ва онҳо аз ақиби ӯ рафтанд+.
5 Ва ӯ ба хонаи падараш ба Ӯфро омада, бародарони худ, писарони
Ерубаалро, ки ҳафтод нафар буданд, бар як санг кушт; вале Ютом,
писари хурдии Ерубаал, зинда монд, чунки пинҳон шуд+.
6 Ва ҳамаи сокинони Шакем ва тамоми аҳли Байт-Миллӯ ҷамъ
шуда рафтанд ва Абималикро назди булути сутун, ки дар Шакем буд,
подшоҳ карданд+.
7 Ва ҳангоме ки инро ба Ютом хабар доданд, ӯ рафта, бар сари
кӯҳи Ҷаризим истод, ва овози худро баланд карда, фарьёд зад ва ба
онҳо гуфт: «Маро бишнавед, эй сокинони Шакем, то ки Худо шуморо
бишнавад!+
8 Як замоне дарахтон рафтанд, то ки подшоҳеро бар худ тадҳин
намоянд; ва ба дарахти зайтун гуфтанд: „Бар мо подшоҳӣ бикун“+.
9 Вале дарахти зайтун ба онҳо гуфт: „Оё равғани худро, ки бо он
Худо ва одамонро ҷалол медиҳанд, ман тарк кунам, ва рафта овора
шавам, то ки бар дарахтон нигаҳбонӣ намоям?“
10 Ва дарахтон ба дарахти анҷир гуфтанд: „Ту омада, бар мо
подшоҳӣ бикун“.
11 Вале дарахти анҷир ба онҳо гуфт: „Оё ширинӣ ва меваи хуби
худро ман тарк кунам, ва рафта овора шавам, то ки бар дарахтон
нигаҳбонӣ намоям?“

12 Ва дарахтон ба токи ангур гуфтанд: „Ту омада, бар мо подшоҳӣ
бикун“.
13 Вале токи ангур ба онҳо гуфт: „Оё шираи худро, ки Худо ва
одамонро дилшод мегардонад, ман тарк кунам ва рафта овора
шавам, то ки бар дарахтон нигаҳбонӣ намоям?“+
14 Ва ҳамаи дарахтон ба хори муғелон гуфтанд: „Ту омада, бар мо
подшоҳӣ бикун“.
15 Ва хори муғелон ба дарахтон гуфт: „Агар ҳақиқатан шумо маро
бар худ ба подшоҳӣ тадҳин мекарда бошед, пас биёед ва дар сояи ман
паноҳ баред; вагар на, оташе аз хори муғелон берун омада, арзҳои
Лубнонро фурӯ хоҳад бурд“+.
16 Ва акнун, агар шумо ҳақиқатан ва аз рӯи адолат амал намуда,
Абималикро подшоҳ карда бошед, ва агар ба Ерубаал ва хонадонаш
некӣ карда бошед, ва агар ба ӯ мувофиқи амали дастҳояш муносибат
карда бошед, —
17 Дар сурате ки падарам барои шумо ҷангида ва ҷони худро дар
хатар гузошта, шуморо аз дасти Мидьён раҳо кард,
18 Вале шумо имрӯз бар хонадони падарам қиём намуда, ҳафтод
нафар писарони ӯро бар як санг куштед, ва писари канизи ӯ —
Абималикро бар сокинони Шакем подшоҳ кардед, зеро ки вай
бародари шумост!
19 Ва агар ҳақиқатан ва аз рӯи адолат имрӯз ба Ерубаал ва
хонадонаш чунин амал карда бошед, — пас шумо аз Абималик шод
бошед, ва ӯ низ аз шумо шод бошад.
20 Вагар на, оташе аз Абималик берун омада, сокинони Шакем ва
аҳли Байт-Миллӯро фурӯ хоҳад бурд, ва оташе аз сокинони Шакем ва
аҳли Байт-Миллӯ берун омада, Абималикро фурӯ хоҳад бурд».
21 Ва Ютом давида, рӯ ба гурез ниҳод ва ба Баир расида, аз дасти
бародараш Абималик дар он ҷо сокин шуд+.
22 Ва Абималик се сол бар Исроил салтанат ронд.
23 Ва Худо рӯҳи шарире дар миёни Абималик ва сокинони Шакем
фиристод, ва сокинони Шакем дар ҳаққи Абималик хиёнат карданд,+
24 То интиқоми ситаме ки дар ҳаққи ҳафтод писари Ерубаал ба
амал омад, гирифта шавад, ва хуни онҳо бар гардани бародарашон
Абималик, ки онҳоро кушт, ва бар гардани сокинони Шакем афтад,
ки онҳо дастҳои ӯро дар куштани бародаронаш тақвият доданд.

[25] Ва сокинони Шакем ба муқобили ӯ бар қуллаҳои кӯҳҳо
каминваронро гузоштанд, ва онҳо ҳар касро, ки дар роҳ аз пешашон
мегузашт, тороҷ мекарданд; дар ин бора ба Абималик хабар дода
шуд.
[26] Ва Ҷуал ибни Обид бо бародаронаш омад, ва онҳо дар Шакем
мегаштанд; ва сокинони Шакем ба ӯ умед бастанд.
[27] Ва ба саҳро баромада, ҳосили токҳои худро чиданд, ва онро дар
чархуштҳо фишурда, базмҳо барпо карданд, ва ба хонаи худои худ
омада, хӯрданд ва нӯшиданд ва Абималикро лаънат гуфтанд.
[28] Ва Ҷуал ибни Обид гуфт: «Абималик кист ва Шакем кист, ки ба
вай бандагӣ кунем? Вай, охир, писари Ерубаал мебошад, ва Забул
фақат амалдори ӯст! Беҳтар аст, ки ба одамони Ҳамӯр падари Шакем
бандагӣ кунед! Чаро мо ба вай бандагӣ мекардаем+?
[29] Кошки ин қавм зери дасти ман мебуданд, ва ман Абималикро
дур мекардам! Ва ба Абималик гуфт: „Лашкари худро биафзой ва
берун ой!“»+
[30] Ва сардори шаҳр, Забул, суханони Ҷуал ибни Обидро шунида,
хашмаш аланга гирифт.
[31] Ва пинҳонӣ қосидонро назди Абималик фиристода, гуфт: «Инак,
Ҷуал ибни Обид ва бародаронаш ба Шакем омадаанд, ва инак онҳо
аҳли шаҳрро ба муқобили ту ба шӯр меоваранд.
[32] Ва акнун шабона бархез, худат ва қавме ки бо ту ҳастанд, ва дар
саҳро камин кун.
[33] Ва субҳидам, баробари тулӯъ кардани офтоб, бархоста, ба шаҳр
ҳуҷум намо; ва инак, ӯ ва қавме ки бо ӯ ҳастанд, сӯи ту берун хоҳанд
омад, ва он гоҳ ба онҳо ҳар он чи аз дастат ояд, хоҳӣ кард».
[34] Ва Абималик ва тамоми қавме ки бо ӯ буданд, шабона
бархостанд, ва чор даста шуда, бар Шакем камин гирифтанд.
[35] Ва Ҷуал ибни Обид берун омада дар даҳани дарвозаи шаҳр
истод; ва Абималик бо қавме ки ҳамроҳи ӯ буданд, аз камин бархост;
[36] Ва Ҷуал қавмро дида, ба Забул гуфт: «Инак, қавм аз қуллаҳои
кӯҳҳо фурӯд меоянд». Ва Забул ба ӯ гуфт: «Сояи кӯҳҳоро ту мисли
одамон мебинӣ».
[37] Ва Ҷуал боз сухан ронда, гуфт: «Инак, қавм аз нофи замин фурӯд
меоянд; ва як даста аз роҳи Элӯн-Меӯненим меоянд».

38 Ва Забул ба ӯ гуфт: «Даҳони ту куҷост, ки мегуфтӣ: „Абималик
кист, ки ба вай бандагӣ кунем?“ Инҳо, охир, ҳамон қавме ҳастанд, ки
ту ба онҳо беэътиноӣ намудӣ. Акнун берун рафта, бо онҳо ҳарбу зарб
кун».
39 Ва Ҷуал пешопеши сокинони Шакем берун омада, бо Абималик
ҷанг кард.
40 Ва Абималик ӯро таъқиб намуд, ва ӯ аз пеши вай гурехт; ва
мақтулони зиёде то худи даҳани дарвоза фурӯ ғалтиданд.
41 Ва Абималик дар Орумо сокин шуд; ва Забул Ҷуал ва
бародаронашро бадар ронд, то ки дар Шакем сукунат надошта
бошанд.
42 Ва фардояш чунин воқеъ шуд, ки қавм ба саҳро бароманданд; ва
инро ба Абималик хабар доданд.
43 Ва ӯ қавми худро гирифта, ба се даста тақсим кард, ва дар саҳро
камин гирифт; ва дид, ки инак, қавм аз шаҳр берун меоянд, ва ӯ
бархоста, онҳоро зарба зад.
44 Ва Абималик ва дастае ки бо ӯ буданд, хамла оварда, дар даҳани
дарвозаи шаҳр истоданд, ва ду дастаи дигар бар ҳамаи онҳое ки дар
саҳро буданд, ҳуҷум карда, онҳоро зарба заданд.
45 Ва Абималик тамоми он рӯз бо аҳли шаҳр ҷанг карда, шаҳрро
забт намуд, ва қавмеро, ки дар он буданд, кушт; ва шаҳрро валангор
карда, намак бар он пошид+.
46 Ва ҳамаи сокинони бурҷи Шакем инро шунида, ба бурҷи Байт-
Ил-Брит омаданд.
47 Ва ба Абималик хабар расид, ки ҳамаи сокинони бурҷи Шакем
дар он ҷо ҷамъ шудаанд.
48 Ва Абималик ва тамоми қавме ки бо ӯ буданд, ба кӯҳи Салмӯн
бароманданд; ва Абималик табаре ба дасти худ гирифта, шохаи калоне
аз дарахт бурид, ва онро бардошта, бар китфи худ гузошт, ва ба қавме
ки бо ӯ буданд, гуфт: «Он чи ман кардам, дидед; пас таъҷил намуда,
мисли ман амал кунед»+.
49 Ва тамоми қавм низ, ҳар яке шохаи худро бурида аз ақиби
Абималик рафтанд, ва онҳоро дар гирди бурҷ гузошта, ба воситаи
онҳо бурҷро оташ доданд; ва ҳамаи одамони бурҷи Шакем низ, ки
тақрибан ҳазор мард ва зан буданд, мурданд.

50 Ва Абималик ба Тебес рафт; ва назди Тебес ӯрду зада, онро забт
намуд.
51 Ва андаруни шаҳр бурҷи мустаҳкаме буд; ва ҳамаи мардон ва
занон, ва ҳамаи сокинони шаҳр, дар он ҷо гурехта ва аз пушти худ
дарҳоро баста, болои боми бурҷ баромаданд.
52 Ва Абималик назди бурҷ омада, бо он ҷанг кард, ва ба даҳани
бурҷ наздик шуд, то ки онро оташ диҳад.
53 Ва зане порчаи санги осиёро бар сари Абималик андохта,
косахонаи сарашро шикаст+.
54 Ва ӯ зуд навкари силоҳбардори худро хонда, ба вай гуфт:
«Шамшератро кашида, маро бикуш, мабодо гӯянд, ки „зане ӯро
кушт“». Ва навкараш ӯро шамшер зад, ва ӯ мурд+.
55 Ва исроилиён диданд, ки Абималик мурд, ва ҳар яке ба макони
худ рафтанд.
56 Ва Худо бадкирдории Абималикро, ки дар ҳаққи падараш бо
куштани ҳафтод бародари худ карда буд, бар сараш баргардонид; ва
тамоми бадкирдории мардуми Шакемро Худо бар сарашон
баргардонид; ва лаънати Ютом ибни Ерубаал бар онҳо омад.

## Тӯлоъ — довари ҳафтум.

10 [1] Ва баъд аз Абималик Тӯлоъ ибни Фуоҳ ибни Дӯдӯ, марде аз
сибти Иссокор бархост, то ки Исроилро наҷот диҳад; ва ӯ дар
Шомир, дар кӯҳи Эфроим сукунат дошт.
[2] Ва ӯ бар Исроил бисту се сол доварӣ намуд; ва ӯ вафот ёфта, дар
Шомир дафн карда шуд.

## Ёир — довари ҳаштум.

[3] Ва баъд аз ӯ Ёири Ҷилъодӣ бархоста, бар Исроил бисту ду сол
доварӣ намуд.
[4] Ва ӯ сӣ писар дошт, ки бар сӣ харкурра савор мешуданд, ва онҳо
сӣ шаҳр доштанд; онҳо то имрӯз деҳоти Ёир номида мешаванд, ки
дар замини Ҷилъод воқеанд+.
[5] Ва Ёир вафот ёфта, дар Қомӯн дафн карда шуд.

## Бори шашум аз Худо дур шудани Исроил ва гирифтори асорат гардидани он.

6 Ва аз нав банӣ-Исроил он чи дар назари Худованд бад буд, ба
амал оварданд, ва Баалҳо, ва Аштораҳо, ва худоёни Арам, ва худоёни
Сидӯн, ва худоёни Мӯоб, ва худоёни банӣ-Аммӯн, ва худоёни
фалиштиёнро ибодат мекарданд; ва Худовандро тарк намуданд, ва
Ӯро ибодат намекарданд+.
7 Ва хашми Худованд бар Исроил аланга гирифт, ва Ӯ онҳоро ба
дасти фалиштиён ва ба дасти банӣ-Аммӯн таслим намуд.
8 Ва онҳо банӣ-Исроилро дар он сол ба танг оварданд ва азият
доданд; ҳаждаҳ сол дар ҳаққи тамоми банӣ-Исроил, ки дар он тарафи
Урдун, дар замини амӯриён, дар Ҷилъод буданд, зулм карданд.
9 Ва банӣ-Аммӯн аз Урдун гузаштанд, то ки ба Яҳудо ва Биньёмин
ва хонадони Эфроим низ ҷанг кунанд: ва исроилиён бағоят ба танг
омаданд.
10 Ва банӣ-Исроил сӯи Худованд истиғоса бурда, гуфтанд: «Мо
пеши Ту гуноҳкор шудаем, зеро ки Худои худро тарк намуда,
Баалҳоро ибодат кардаем»+.
11 Ва Худованд ба банӣ-Исроил гуфт: «Ман, охир, шуморо аз
мисриён, ва аз амӯриён, ва аз банӣ-Аммӯн, ва аз фалиштиён наҷот
додам;
12 Ва аҳли Сидӯн, ва Амолеқ, ва Моӯн шуморо ба танг оварданд, ва
шумо сӯи ман истиғоса бурдед, ва Ман шуморо аз дасти онҳо наҷот
додам.
13 Ва шумо Маро тарк карда, худоёни дигарро ибодат намудед,
бинобар ин Ман шуморо дигар наҷот нахоҳам дод.
14 Биравед ва сӯи худоёне ки баргузидаед, истиғоса баред; бигзор
онҳо шуморо дар вақти тангии шумо наҷот диҳанд»+.
15 Ва банӣ-Исроил ба Худованд гуфтанд: «Мо гуноҳкор шудаем; ҳар
он чи дар назари ту писанд ояд, ба мо бикун, фақат имрӯз моро
раҳоӣ деҳ».
16 Ва онҳо худоёни бегонаро аз даруни худ дур карданд, ва
Худовандро ибодат намуданд; ва дили Ӯ аз боиси азиятҳои Исроил
маҳзун шуд.

17 Ва банӣ-Аммӯн ҷамъ шуда, дар Ҷилъод ӯрду заданд; ва банӣ-
Исроил ҷамъ шуда, дар Мисфо ӯрду заданд.
18 Ва қавм, сарварони Ҷилъод, ба якдигар гуфтанд: «Он касе ки бар
зидди банӣ-Аммӯн ба ҷанг шурӯъ намояд, сардори ҳамаи сокинони
Ҷилъод хоҳад буд».

## Йифтоҳ — довари нӯҳум.

**11** 1 Ва Йифтоҳи ҷилъодӣ баҳодури ҷасуре буд; ва ӯ писари зани
зинокоре буд; ва Йифтоҳро Ҷилъод ба дуньё оварда буд+.
2 Ва зани Ҷилъод писарон барои ӯ зоид; ва ҳангоме ки писарони
занаш калон шуданд, Йифтоҳро бадар ронда, ба ӯ гуфтанд: «Ту дар
хонаи падари мо мерос нахоҳӣ гирифт, зеро ки ту писари зани
дигаре ҳастӣ».
3 Ва Йифтоҳ аз пеши бародаронаш гурехта, дар замини Туб маскан
гирифт; ва мардуми бенаво назди Йифтоҳ ҷамъ шуда, бо ӯ тохтутоз
мекарданд+.
4 Ва пас аз муддате чунин воқеъ шуд, ки банӣ-Аммӯн ба Исроил
ҷанг карданд.
5 Ва ҳангоме ки банӣ-Аммӯн бо Исроил ҷанг мекарданд, пирони
Ҷилъод рафтанд, то ки Йифтоҳро аз замини Туб даъват намоянд.
6 Ва ба Йифтоҳ гуфтанд: «Биё ва саркардаи мо бош, то ки бо банӣ-
Аммӯн ҷанг кунем».
7 Ва Йифтоҳ ба пирони Ҷилъод гуфт: «Шумо, охир, аз ман нафрат
доштед, ва маро аз хонаи падарам бадар рондед; ва чаро акнун, дар
вақти тангии худ, назди ман омадаед?»
8 Ва пирони Ҷилъод ба Йифтоҳ гуфтанд: «Аз он сабаб акнун назди
ту баргаштаем, ки ту бо мо рафта, ба муқобили банӣ-Аммӯн ҷанг
кунӣ, ва барои мо ва ҳамаи сокинони Ҷилъод пешво бошӣ»+.
9 Ва Йифтоҳ ба пирони Ҷилъод гуфт: «Агар шумо маро барои
ҷангидан бар зидди банӣ-Аммӯн баргардонед, ва Худованд онҳоро ба
ман таслим намояд, пас ман пешвои шумо хоҳам буд».
10 Ва пирони Ҷилъод ба Йифтоҳ гуфтанд: «Худованд дар миёни мо
шоҳид бошад, ки мо яқинан мувофиқи сухани ту амал хоҳем кард»+.
11 Ва Йифтоҳ бо пирони Ҷилъод равона шуд, ва қавм ӯро бар худ
пешво ва саркарда таъин намуданд; ва Йифтоҳ ҳамаи суханонашро
ба ҳузури Худованд дар Мисфо ба забон ронд.
12 Ва Йифтоҳ назди подшоҳи банӣ-Аммӯн қосидон фиристода,
гуфт: «Туро бо ман чӣ кор аст, ки назди ман омадаӣ, то ки бо замини
ман ҷанг кунӣ?»
13 Ва подшоҳи банӣ-Аммӯн ба қосидони Йифтоҳ гуфт: «Зеро ки
исроилиён, вақте ки аз Миср берун омаданд, замини маро аз Арнӯн

то Яббӯқ ва то Урдун гирифтанд; ва акнун онҳоро ба саломатӣ
баргардон»+.
14 Ва Йифтоҳ бори дигар назди подшоҳи банӣ-Аммӯн қосидон
фиристод,
15 То ки ба ӯ бигӯянд: «Йифтоҳ чунин мегӯяд: исроилиён замини
Мӯоб ва замини банӣ-Аммӯнро нагирифтаанд;+
16 Зеро исроилиён, вақте ки аз Миср берун омаданд, дар биёбон то
баҳри Қулзум роҳ гашта, ба Қодеш расиданд;+
17 Ва Исроил қосидон назди подшоҳи Адӯм фиристоданд, то
бигӯянд: „Лутфан, мо аз замини ту бигзарем“, вале подшоҳи Адӯм
гӯш накард; ва назди подшоҳи Мӯоб фиристоданд, ва ӯ розӣ нашуд;
ва Исроил дар Қодеш монданд+.
18 Ва дар биёбон роҳ гашта, замини Адӯм ва замини Мӯобро давр
заданд, ва ба ҷониби шарқии замини Мӯоб расида, дар он тарафи
Арнӯн ӯрду заданд; вале ба ҳудуди Мӯоб надаромаданд, зеро ки
Арнӯн ҳудуди Мӯоб аст+.
19 Ва Исроил қосидон назди Сиҳӯн подшоҳи амӯриён, подшоҳи
Ҳешбӯн фиристоданд, ва Исроил ба вай гуфтанд: „Лутфан, мо аз
замини ту ба макони худ бигзарем“.
20 Вале Сиҳӯн ба Исроил эътимод накард, ки аз ҳудуди вай
бигзаранд; ва Сиҳӯн тамоми қавми худро ҷамъ овард, ва онҳо дар
Яҳас ӯрду заданд; ва ӯ бо Исроил ҳарбу зарб намуд+.
21 Ва Худованд Худои Исроил Сиҳӯн ва тамоми қавми варо ба
дасти Исроил супурд, ва ба онҳо шикаст расониданд; ва Исроил
тамоми замини амӯриёнро, ки дар он замин сокин буданд, тасарруф
карданд.
22 Ва тамоми ҳудуди амӯриёнро аз Арнӯн то Яббӯқ, ва аз биёбон то
Урдун тасарруф карданд.
23 Ва алҳол Худованд Худои Исроил амӯриёнро аз пеши қавми Худ
Исроил бадар рондааст, ва ту мехоҳӣ он заминро тасарруф намоӣ?
24 Ту, охир, он чиро, ки худоят Камуш барои тасарруфи ту додааст,
тасарруф намо; вале ҳар киро, ки Худованд Худои мо аз пеши мо
бадар рондааст, замини варо мо тасарруф хоҳем кард+.
25 Ва алҳол оё ту аз Болоқ ибни Сиффӯр, подшоҳи Мӯоб, беҳтар
ҳастӣ? Оё вай бо Исроил низоъ намуд, ё бо онҳо ҷанг кард+?

26 Дар сурате ки Исроил дар Ҳешбӯн ва деҳоташ, ва дар Аръӯр ва
деҳоташ, ва дар ҳамаи шаҳрҳои атрофи Арнӯн сесад сол боз сукунат
дорад, чаро дар ни муддат онҳоро кашида нагирифтаед?
27 Ман пеши ту гуноҳе накардаам, вале ту ба ман бадӣ карда, бо
ҷанг ба сари ман омадаӣ; пас бигзор Худованди Довар имрӯз дар
миёни банӣ-Исроил ва банӣ-Аммӯн доварӣ намояд!»+
28 Валекин подшоҳи банӣ-Аммӯн ба суханони Йифтоҳ, ки назди ӯ
фиристода буд, гӯш накард.
29 Ва Рӯҳи Худованд бар Йифтоҳ буд, ва ӯ аз Ҷилъод ва Менашше
гузашт, ва аз Мисфои Ҷилъод гузашт, ва аз Мисфои Ҷилъод ба ҳудуди
банӣ-Аммӯн гузашт+.

## Қасами фалокатовари Йифтоҳ.

30 Ва Йифтоҳ барои Худованд назр карда, гуфт: «Агар Ту банӣ-
Аммӯнро ба дасти ман таслим намоӣ,+
31 Он гоҳ бигзор чунин шавад: ҳангоме ки аз банӣ-Аммӯн ба
саломатӣ баргардам, ҳар кӣ аз дари хонаи ман ба пешвози ман берун
ояд, бигзор аз они Худованд бошад, ва ман варо ҳамчун қурбонии
сӯхтанӣ хоҳам овард»+.
32 Ва Йифтоҳ ба ҳудуди банӣ-Аммӯн гузашт, то ки бо онҳо ҷанг
кунад; ва Худованд онҳоро ба дасти ӯ супурд.
33 Ва ӯ ба онҳо аз Арӯэр то даромадгоҳи Минит, ки бист шаҳр
воқеъ буд, ва то Обил-Кароммим шикасти бағоят бузурге расонид; ва
банӣ-Аммӯн пеши банӣ-Исроил сар фуровարданд+.
34 Ва Йифтоҳ ба Мисфо ба хонаи худ омад, ва инак, духтараш ба
пешвози ӯ бо дойра ва рақс берун омад; вай фарзанди ягонаи ӯ буд;
ғайр аз вай ӯ писаре ё духтаре надошт.
35 Ва ҳамин ки ӯ варо дид, либоси худро дарронида, гуфт: «Оҳ,
духтарам! Ту маро дар залолат андохтӣ ва яке аз ғамоварони ман
гаштӣ: ман даҳони худро ба ҳузури Худованд кушодаам, ва
наметавонам баргардам»+.
36 Вай ба ӯ гуфт: «Эй падарам! Ту даҳони худро ба ҳузури Худованд
кушодаӣ, пас чунон ки аз даҳонат берун омадааст, бо ман амал намо,
дар сурате ки Худованд барои ту аз душманонат, аз банӣ-Аммӯн
интиқом гирифтааст».

37 Ва ба падари худ гуфт: «Фақат барои ман чунин бикун: ду моҳ
маро ба ҳолам вогузор, то ки ба кӯҳҳо фурӯд омада, барои бакорати
худ бо дугонаҳоям навҳа кунам».
38 Ва ӯ гуфт: «Бирав». Ва ба мӯҳлати ду моҳ варо фиристод. Вай бо
дугонаҳояш рафта, бар кӯҳҳо барои бакорати худ навҳа кард.
39 Ва чунин воқеъ шуд, ки баъд аз гузаштани ду моҳ вай назди
падари худ баргашт, ва ӯ назреро, ки дода буд, бар вай ба амал овард;
ва вай рӯи мардро надид; ва дар Исроил чунин таомул шуд,
40 Ки духтарони Исроил сол ба сол мерафтанд, то ки барои
духтари Йифтоҳи ҷилъодӣ соле чор рӯз навҳагарӣ кунанд.

## Мубориза бо эфроимиён. Ибсон — довари даҳум.

**12** [1] Ва аҳли Эфроим ҷамъ шуда, ба тарафи шимол гузаштанд ва
ба Йифтоҳ гуфтанд: «Чаро барои ҷангидан бо банӣ-Аммӯн
рафтӣ, вале моро нахондӣ, то ки ҳамроҳи ту биравем? Мо хонаи туро
оташ дода, бар сари ту хоҳем сӯзонид»+.
[2] Вале Йифтоҳ ба онҳо гуфт: «Ман ва қавми ман бо банӣ-Аммӯн
низои сахте доштем; ва ман шуморо хондам, вале маро аз дасти онҳо
наҷот надодед.
[3] Ва чун дидам, ки наҷот намедиҳӣ, ҷони худро ба кафи даст
гирифта, ба ҳудуди банӣ-Аммӯн гузаштам, ва Худованд онҳоро ба
дасти ман супурд; пас чаро шумо имрӯз назди ман баромадаед, то ки
бо ман ҷанг кунед?»
[4] Ва Йифтоҳ тамоми мардуми Ҷилъодро ҷамъ оварда, бо Эфроим
ҷанг кард; ва мардуми Ҷилъод ба эфроимиён зарба расониданд,
чунки гуфта буданд: «Эй аҳли Ҷилъод, шумо гурезаҳои Эфроим
андаруни Эфроим ва андаруни Менашше ҳастед».
[5] Ва аҳли Ҷилъод маъбарҳои Урдунро аз Эфроим гирифтанд, ва
ҳангоме ки касе аз гурезаҳои Эфроим мегуфт: «Бимон, ки бигзарам»,
мардуми Ҷилъод ба вай мегуфтанд: «Оё ту эфроимӣ ҳастӣ?» Вай
мегуфт: «Не».
[6] Онҳо ба вай мегуфтанд: «Бигӯй: „Шиббӯлет“», вале вай мегуфт:
«Сиббӯлет», ва наметавонист дуруст талаффуз намояд; ва онҳо варо
дастгир карда, назди маъбарҳои Урдун мекуштанд; ва дар он вақт
чилу ду ҳазор нафар эфроимиён кушта шуданд.
[7] Ва Йифтоҳ бар Исроил шаш сол доварӣ намуд; ва Йифтоҳи
ҷилъодӣ вафот ёфта, дар яке аз шаҳрҳои Ҷилъод дафн карда шуд.
[8] Ва баъд аз ӯ Ибсони байтлаҳмӣ бар Исроил доварӣ намуд.
[9] Ва ӯ сӣ писар дошт, ва сӣ духтарашро берун бароварда, аз берун
барои писаронаш сӣ духтар гирифта буд; ва ӯ ҳафт сол бар Исроил
доварӣ намуд.
[10] Ва Ибсон вафот ёфта, дар Байт-Лаҳм дафн карда шуд.

## Элӯн — довари ёздаҳум.

[11] Ва баъд аз ӯ Элӯни забулунӣ бар Исроил доварӣ намуд; ва ӯ даҳ
сол бар Исроил доварӣ намуд.

12 Ва Элӯни забулунӣ вафот ёфта, дар Аёлӯн, ки дар замини
Забулун аст, дафн карда шуд.

## Абдӯн — довари дувоздаҳум.

13 Ва баъд аз ӯ Абдӯн ибни Ҳиллели фиръотӯнӣ бар Исроил доварӣ
намуд.
14 Ва ӯ чил писар ва сӣ набера дошт, ки бар ҳафтод харкурра савор
мешуданд; ва ӯ ҳашт сол бар Исроил доварӣ намуд.
15 Ва Абдӯн ибни Ҳиллели фиръотӯнӣ вафот ёфта, дар Фиръотӯн,
ки дар замини Эфроим бар кӯҳи Амолеқ аст, дафн карда шуд.

## Бори ҳафтум аз Худо дур шуданд.

## Падару модари Шимшӯн.

# 13

1 Ва банӣ-Исроил аз нав он чи дар назари Худованд бад буд,
ба амал оварданд; ва Худованд онҳоро чил сол ба дасти
фалиштиён супурд+.
2 Ва шахсе аз Соръо, аз қабилаи Дон буд, ки Монӯаҳ ном дошт, ва
занаш безуриёт буда, намезоид+.
3 Ва фариштаи Худованд ба он зан зоҳир шуда, гуфт: «Инак, ту
безуриёт ҳастӣ ва намезоӣ; вале ҳомила шуда, писаре хоҳӣ зоид+.
4 Ва алҳол барҳазар бош, ва май ва арақ нанӯш, ва ҳеҷ чизи палид
нахӯр.
5 Зеро инак, ту ҳомила шуда, писаре хоҳӣ зоид, ва поку ба сараш
нахоҳад расид, зеро ки он кӯдак аз батни модар барои Худо мумтоз
хоҳад буд; ва ӯ ба наҷот додани Исроил аз дасти фалиштиён шурӯъ
хоҳад намуд»+.
6 Ва он зан омада, ба шавҳари худ гуфт: «Марди Худо назди ман
омад, ва намудаш мисли намуди фариштаи Худо бағоят саҳмгин буд;
ва ман аз ӯ напурсидам, ки ӯ аз куҷост, ва ӯ номи худро ба ман
нагуфт.
7 Ва ӯ ба ман гуфт: „Инак, ту ҳомила шуда, писаре хоҳӣ зоид; ва
алҳол май ва арақ нанӯш, ва ҳеҷ чизи палид нахӯр, зеро ки он кӯдак
аз батни модар то рӯзи мамоташ барои Худо мумтоз хоҳад буд“».
8 Ва Монӯаҳ пеши Худованд зорию илтиҷо карда, гуфт: «Лутфан,
эй Худованд! Бигзор он марди Худо, ки фиристодӣ, бори дигар назди
мо омада, моро таълим диҳад, ки бо кӯдаке ки бояд таваллуд ёбад, чӣ
гуна рафтор намоем».
9 Ва Худо овози Монӯаҳро шунид, ва фариштаи Худо боз назди зан
омад, дар сурате ки вай дар саҳро нишаста буд, вале шавҳараш
Монӯаҳ бо вай набуд.
10 Ва зан зуд давида, ба шавҳараш хабар дод, ва ба ӯ гуфт: «Инак,
бар ман он мард зоҳир шуд, ки он рӯз назди ман омада буд».
11 Ва Монӯаҳ бархоста, аз ақиби занаш равона шуд, ва назди он
мард омада, ба вай гуфт: «Оё ту ҳамон мард ҳастӣ, ки бо ин зан сухан
рондӣ?» Гуфт: «Ман ҳастам».

12 Ва Монӯаҳ гуфт: «Пас, вақте ки суханонат ба амал ояд, тарбияти
он кӯдак чӣ гуна хоҳад буд, ва бо ӯ чӣ бояд кард?»
13 Ва фариштаи Худованд ба Монӯаҳ гуфт: «Бигзор аз ҳар чи ба зан
гуфтаам, хазар намояд.
14 Бигзор ҳар чиро, ки аз токи ангур ҳосил мешавад, нахӯрад, ва
май ва арақ нанӯшад, ва ҳеҷ чизи палид нахӯрад; ҳар чиро, ки ба вай
амр фармудаам, риоя намояд».
15 Ва Монӯаҳ ба фариштаи Худованд гуфт: «Лутфан, туро мо каме
нигоҳ дорем, то ки барои ту бузғолае тайёр кунем»+.
16 Вале фариштаи Худованд ба Монӯаҳ гуфт: «Ҳарчанд маро нигоҳ
дорӣ, аз нони ту нахоҳам хӯрд; ва агар бихоҳӣ қурбонии сӯхтанӣ
оварӣ, онро барои Худованд биёр». Зеро Монӯаҳ намедонист, ки вай
фариштаи Худованд аст.
17 Ва Монӯаҳ ба фариштаи Худованд гуфт: «Номи ту чист? Вақте ки
суханат ба амал ояд, туро иззату икром намоем».
18 Ва фариштаи Худованд ба ӯ гуфт: «Чаро номи маро мепурсӣ? Он
муаммост»+.
19 Ва Монӯаҳ бузғола ва ҳадияи ордиро гирифта, бар сахра барои
Худованд қурбонӣ овард, ва инак, фаришта кори аҷоибе кард, ва
Монӯаҳ ва занаш медиданд+.
20 Ва ҳангоме ки аланга аз қурбонгоҳ сӯи осмон баромад,
фариштаи Худованд дар он алангаи қурбонгоҳ сууд намуд; ва Монӯаҳ
ва занаш инро дида, рӯй ба замин афтоданд.
21 Ва фариштаи Худованд ба Монӯаҳ ва занаш дигар аён нашуд; он
гоҳ Монӯаҳ донист, ки вай фариштаи Худованд будааст.
22 Ва Монӯаҳ ба занаш гуфт: «Мо яқинан хоҳем мурд, зеро ки
Худоро дидем»+.
23 Вале занаш ба ӯ гуфт: «Агар Худованд мехост моро бикушад,
қурбонии сӯхтанӣ ва ҳадияи ордиро аз дасти мо қабул намекард, ва
ҳамаи ин чизҳоро ба мо нишон намедод; ва дар ин вақт чунин
хабарро ба самъи мо намерасонид».

## Таваллуд ёфтани Шимшӯн.

24 Ва он зан писаре зоид, ва ӯро Шимшӯн ном ниҳод; ва кӯдак
калон мешуд, ва Худованд ӯро баракат медод+.

25 Ва Рӯҳи Худованд ба таҳрик додани ӯ дар ӯрдугоҳи Дон, дар
миёни Соръо ва Эштоӯл шурӯъ намуд+.

## Шимшӯн — довари сездаҳум.

**14** [1] Ва Шимшӯн ба Тимно фурӯд омад; ва дар Тимно занеро аз
духтарони фалиштиён дид+.
[2] Ва омада, ба падару модари худ хабар дод ва гуфт: «Дар Тимно
занеро аз духтарони фалиштиён дидам; ва акнун варо барои ман ба
занӣ бигиред»+.
[3] Ва падару модараш ба ӯ гуфтанд: «Магар дар миёни духтарони
бародаронат ва дар тамоми қавми мо зане нест, ки ту мехоҳӣ рафта,
аз фалиштиёни номахтун зан бигирӣ?» Вале Шимшӯн ба падари худ
гуфт: «Варо барои ман бигир, зеро ки вай дар чашми ман писанд
омад»+.
[4] Валекин падару модараш намедонистанд, ки ин аз ҷониби
Худованд аст, зеро ки Ӯ мехост баҳонае бар фалиштиён биҷӯяд; ва
дар он вақт фалиштиён бар Исроил ҳукмрон буданд.
[5] Ва Шимшӯн бо падару модари худ ба Тимно фурӯд омад; ва
ҳангоме ки ба токзори Тимно расиданд, инак, шери ҷавоне ба
пешвози ӯ наъра зад.
[6] Ва Рӯҳи Худованд бар ӯ нозил шуда, онро дупора кард, чунон ки
бузғоларо дупора мекунанд, агарчи дар дасташ чизе набуд; ва ба
падару модараш он чиро, ки карда буд, хабар надод+.
[7] Ва фурӯд омада, бо он зан гуфтугӯ кард, ва вай дар чашми ӯ
писанд омад.
[8] Ва баъд аз муддате, вақте ки ӯ барои гирифтани вай бармегашт,
аз роҳ ба каноре рафт, то лошаи шерро бубинад; ва инак, дар лошаи
шер тӯдаи занбӯрҳо ва асал буд.
[9] Ва онро ба кафҳои дасташ гирифта, равона шуд ва дар роҳ
мехӯрд; ва чун ба падару модараш расид, ба онҳо низ дод, ва онҳо
хӯрданд; вале ба онҳо нагуфт, ки асалро аз лошаи шер гирифтааст.
[10] Ва падараш назди он зан фурӯд омад; ва Шимшӯн дар он ҷо базм
кард, зеро ки расму одати ҷавонон чунин буд.
[11] Ва чун ӯро диданд, сӣ нафар ёронро баргузиданд, то ки бо ӯ
бошанд.
[12] Ва Шимшӯн ба онҳо гуфт: «Муаммое барои шумо мегӯям; агар
шумо онро барои ман дар ҳафт рӯзи базм ҳал намоед ва ҳалли

дурусташро биёбед, ман ба шумо сӣ яктаки катон ва сӣ даста либос хоҳам дод;+

[13] Вале агар онро барои ман натавонед ҳал намоед, шумо бояд сӣ
ҷомаи катон ва сӣ даста либос ба ман бидиҳед». Ба ӯ гуфтанд:
«Муаммои худро бигӯй, то ки онро бишнавем».

[14] Ва ӯ ба онҳо гуфт:

«Аз хӯранда хӯрок берун омад,
ва аз зӯровар ширинӣ берун омад».

Ва онҳо дар се рӯз натавонистанд муамморо ҳал кунанд.

[15] Ва чунин воқеъ шуд, ки дар рӯзи ҳафтум онҳо ба зани Шимшӯн
гуфтанд: «Шавҳаратро розӣ намо, то ки ҳалли муамморо ба мо
бигӯяд, мабодо туро ва хонаи падаратро оташ дода, бисӯзонем: магар
моро барои он таклиф намудаед, ки моро тороҷ кунед?»+

[16] Ва зани Шимшӯн пеши ӯ гирья карда, гуфт: «Яқин аст, ки ту аз
ман нафрат дорӣ ва маро дӯст намедорӣ; ба писарони қавми ман
муаммое гуфтаӣ, вале ҳалли онро ба ман маълум накардаӣ». Ва ӯ ба
вай гуфт: «Инак, ба падару модари худ онро маълум накардаам, оё ба
ту маълум кунам?»+

[17] Ва ҳафт рӯзе ки базми онҳо давом мекард, вай пеши ӯ мегирист;
ва дар рӯзи ҳафтум ӯ ба вай маълум кард, зеро ки вай бо чақиданаш
ӯро аз ҷон безор сохт; ва баъд аз ин вай ҳалли муамморо ба писарони
қавми худ маълум кард.

[18] Ва дар рӯзи ҳафтум, пеш аз ғуруби офтоб, мардуми он шаҳр ба ӯ
гуфтанд:

«Чист ширинтар аз асал,
ва чист зӯровартар аз шер?»

Ва ӯ ба онҳо гуфт:

«Агар бо ғуноҷини ман шудгор намекардед,
ҳалли муаммои маро намеёфтед».

## Шимшӯн дар Ашқалӯн.

[19] Ва Рӯҳи Худованд ба ӯ нозил шуда, ӯ ба Ашқалӯн фурӯд омад, ва
аз онҳо сӣ нафарро кушта, либосашонро кашида гирифт, ва дастаҳои
либосро ба онҳое ки муамморо ҳал карда буданд, дод. Ва хашмаш
аланга гирифта, ӯ ба хонаи падари худ баргашт+.

[20] Ва зани Шимшӯн ба рафиқе ки ёри ӯ шуда буд, расид.

## Шимшӯн аз фалиштиён интиқом мегирад; хосилоташонро ба воситаи рӯбоҳон несту нобуд мекунад.

**15** [1] Ва баъд аз муддате, дар айёми дарави гандум, чунин воқеъ
шуд, ки Шимшӯн барои дидани зани худ бо бузғолае омад ва
гуфт: «Назди зани худ ба хонаи хоби вай медароям». Вале падари вай
ӯро намонд, ки дарояд.
[2] Ва падари вай гуфт: «Ман гумон кардам, ки ту аз вай нафрат
дорӣ, бинобар ин варо ба ёри ту додам; инак, хоҳари вай, ки аз вай
хушрӯйтар аст, бигзор барои ту дар ивази вай бошад».
[3] Вале Шимшӯн ба онҳо гуфт: «Ман акнун пеши фалиштиён аз
гуноҳ фориғ хоҳам буд, агар ба онҳо бадӣ бикунам».
[4] Ва Шимшӯн рафта, сесадто рӯбоҳ қапид; ва машъалҳо гирифт, ва
думро бо дум баста, якто машъалро дар миёнаи ҳар ду дум гузошт.
[5] Ва машъалҳоро даргиронида, ба киштзорҳои фалиштиён
фиристод; ва аз хирман сар карда, то ҳосили даравнашуда ва то
боғҳои зайтун сӯзонид.
[6] Ва фалиштиён гуфтанд: «Кист, ки ин корро кардааст?» Ва
гуфтанд: «Шимшӯн, домоди он сокини Тимно, ки зани ӯро гирифта,
ба ёри ӯ дода буд». Ва фалиштиён омада, он занро бо якҷоягии
падараш ба оташ сӯзониданд.
[7] Ва Шимшӯн ба онҳо гуфт: «Модоме ки шумо чунин амал кардед,
яқинан аз шумо интиқом хоҳам гирифт, ва баъд аз он ором хоҳам
шуд».
[8] Ва ба онҳо сар то по зарбаи сахт расонид, бисьёреро кушт, ва
рафта, дар ғори сахраи Этом сокин шуд.
[9] Ва фалиштиён баромада, дар Яҳудо ӯрду заданд ва дар Леҳӣ
ҷойгир шуданд.
[10] Ва мардуми Яҳудо гуфтанд: «Барои чӣ бар зидди мо
баромадаед?» Дар ҷавоб гуфтанд: «Барои он ки Шимшӯнро бибандем,
ва чунон ки ӯ ба мо амал кард, ончунон ба ӯ амал кунем».
[11] Ва се ҳазор нафар аз мардуми Яҳудо сӯи ғори сахраи Этом
рафта, ба Шимшӯн гуфтанд: «Ту, охир, медонӣ, ки фалиштиён бар мо
ҳукмрон мебошанд; пас, ин чӣ кор аст, ки ту ба мо кардӣ?» Ба онҳо
гуфт: «Чунон ки онҳо ба ман амал карданд, ончунон ман ба онҳо
амал кардам».

12 Ба ӯ гуфтанд: «Мо фурӯд омадаем, то ки туро баста, ба дасти
фалиштиён бисупорем». Шимшӯн ба онҳо гуфт: «Ба ман қасам ёд
кунед, ки худатон ба ман осебе нахоҳед расонид».
13 Онҳо ба ӯ гуфтанд: «Не, мо туро фақат баста, ба дасти онҳо
хоҳем супурд, вале ба ҳеҷ ваҷҳ туро нахоҳем кушт». Ва ӯро бо ду
таноби нав баста, аз сахра баровარданд.

## Шимшӯн ҳазор нафарро аз душманон мекушад.

14 Вақте ки ӯ ба Леҳӣ расид, фалиштиён ба пешвози ӯ ғавғо
бардоштанд. Ва Рӯҳи Худованд бар ӯ нозил шуда, танобҳое ки бар
бозуҳояш буд, мисли наххҳои катон, ки дар оташ сӯхта бошад, канда
гардид, ва бандҳо аз дастҳояш фуромад+.
15 Ва ӯ ҷоғи хари навмурдаро ёфт, ва дасти худро дароз карда, онро
гирифт, ва ҳазор нафарро бо он зада, кушт+.
16 Ва Шимшӯн гуфт:
«Аз ҷоғи хар тӯда-тӯда фурӯ ғалтиданд:
бо ҷоғи хар ҳазор нафарро зада куштам».
17 Ва ин суханро гуфта, ҷоғро аз дасти худ партофт, ва он маконро
Ромат-Леҳӣ номид.
18 Ва бағоят ташна монд, ва сӯи Худованд хонда, гуфт: «Ту ба дасти
бандаи Худ ин наҷоти бузургро додӣ; ва алҳол ман аз ташнагӣ
мемирам ва ба дасти номахтунон меафтам».
19 Ва Худо чуқуриеро, ки дар Леҳӣ буд, рахна кард, ва об аз он ҷорӣ
шуд, ва ӯ нӯшида, ба худ омад, ва ҷон гирифт; бинобар ин номаш
Эйн-Ҳақӯре хонда шуд, ки он то имрӯз дар Леҳӣ воқеъ аст.
20 Ва ӯ бар Исроил дар айёми фалиштиён бист сол доварӣ намуд.

## Шимшӯн дар Ғазза.

16 [1] Ва Шимшӯн ба Ғазза рафт; ва дар он ҷо зани зинокореро
дида, назди вай даромад+.
[2] Ба аҳли Ғазза хабар расид, ки Шимшӯн ба ин ҷо омадааст. Ва
тамоми шаб давр зада гаштанд ва назди дарвозаи шаҳр ба муқобили
ӯ камин гирифтанд, ва тамоми шаб хомӯшона рафтор намуда,
мегуфтанд: «То субҳидам мунтазир истода, ӯро мекушем».
[3] Вале Шимшӯн то нисфи шаб хобид, ва нисфи шаб бархост, ва
табақаҳои дарвозаи шаҳр ва ду паҳлударриро гирифта, бо якҷоягии
ғалақа барканд, ва бар китфи худ гузошта, бар куллаи кӯҳе ки дар рӯ
ба рӯи Ҳебрӯн аст, баровард.

## Шимшӯн ва Далило.

[4] Ва баъд аз он чунин воқеъ шуд, ки ӯ занеро дар водии наҳри
Шӯрек дӯст дошт, ва номи вай Далило буд.
[5] Ва сарварони фалиштиён назди вай омада, гуфтанд: «Ӯро
фирефта намуда, бифаҳм, ки қуввати бузургаш дар чист, ва чӣ гуна
мо бар ӯ метавонем ғолиб оем, то ки ӯро баста, мутеъ намоем; ва ҳар
яке аз мо ба ту ҳазору сад сиқл нуқра хоҳем дод»+.
[6] Ва Далило ба Шимшӯн гуфт: «Лутфан, ба ман бигӯй, ки қуввати
бузурги ту дар чист, ва чӣ гуна туро баста, мутеъ кардан мумкин
аст?»
[7] Шимшӯн ба вай гуфт: «Агар маро бо ҳафт зеҳи тар, ки хушк
нашуда бошад, бибананд, ман суст шуда, мисли ҳар каси дигар
хоҳам гардид».
[8] Ва сарварони фалиштиён ҳафт зеҳи тар, ки хушк нашуда буд, ба
вай оварданд, ва ӯро вай бо онҳо баст.
[9] Ва каминварон дар ҳуҷраи вай нишаста буданд, ва Далило ба ӯ
гуфт: «Фалиштиён бар ту омаданд, эй Шимшӯн!» Ва ӯ зеҳҳоро
барканд, чунон ки риштаи катон канда мешавад, ҳамин ки бӯи оташ
ба он бирасад. Ва манбаи қуввати ӯ ошкор нашуд.
[10] Ва Далило ба Шимшӯн гуфт: «Инак, ту маро тамасхур карда,
суханони дурӯғ гуфтӣ; акнун, лутфан, ба ман бигӯй, ки туро бо чӣ
бастан мумкин аст?»

[11] Ӯ ба вай гуфт: «Агар маро бо танобҳои нав, ки ҳеҷ истеъмол
нашуда бошад, бибананд, ман суст шуда, мисли ҳар каси дигар
хоҳам гардид»+.
[12] Ва Далило танобҳои нав гирифта, ӯро бо онҳо баст, ва ба ӯ гуфт:
«Фалиштиён бар ту омаданд, эй Шимшӯн!» Ва каминварон дар
ҳуҷраи вай нишаста буданд. Ва ӯ танобҳоро аз бозуҳои худ мисли
риштае барканд.
[13] Ва Далило ба Шимшӯн гуфт: «То ҳол ту маро тамасхур карда, ба
ман суханони дурӯғ гуфтӣ; ба ман бигӯй, ки туро бо чӣ бастан
мумкин аст?» Ва ӯ ба вай гуфт: «Агар ҳафт гесуи сари маро бо
дастгоҳи бофандагӣ бибофӣ».
[14] Вай онҳоро ба моку маҳкам баст, ва ба ӯ гуфт: «Фалиштиён бар
ту омаданд, эй Шимшӯн!» Ва ӯ аз хоби худ бедор шуда, моку ва
дастгоҳи бофандагиро барканд.
[15] Вай ба ӯ гуфт: «Чӣ гуна ту мегӯӣ: „Ман туро дӯст медорам“, ва
ҳол он ки дили ту бо ман нест? Инак, се дафъа ту маро тамасхур
кардӣ ва ба ман маълум нанамудӣ, ки қуввати бузурги ту дар
чист»+.
[16] Ва азбаски вай ӯро ҳар рӯз бо суханони худ фишор дода, зиқ
мекард, ӯ аз ҷони худ безор шуд,
[17] Ва ҳар чиро, ки дар дил дошт, ба вай ошкор карда, гуфт: «Поку ба
сари ман нарасидааст, зеро ки ман аз батни модари худ барои Худо
мумтоз ҳастам; агар мӯйсарам тарошида шавад, қувватам аз ман дур
хоҳад шуд, ва ман суст шуда, мисли ҳар каси дигар хоҳам гардид»+.
[18] Ва Далило дид, ки ӯ ҳар чиро, ки дар дилаш буд, ба вай маълум
кард, барои хондани сарварони фалиштиён кас фиристода, гуфт:
«Ҳамин дафъа биёед, ки ӯ ҳар чиро, ки дар дил дошт, ба ман маълум
кард». Ва сарварони фалиштиён назди вай омаданд, ва нуқраро ба
дасти худ оварданд.
[19] Ва ӯро вай бар зонуҳои худ хобонид, ва касеро хонд, ва ҳафт
гесуи сари ӯро тарошонид, ва ба шиканҷа кардани ӯ шурӯъ намуд, ва
қувваташ аз ӯ дур шуд.
[20] Ва гуфт: «Фалиштиён бар ту омаданд, эй Шимшӯн!» Ва ӯ аз
хобаш бедор шуда, дар дили худ гуфт: «Мисли пештара берун рафта,
ба худ меоям». Вале ӯ надонист, ки Худованд аз ӯ дур шудааст.

[21] Ва фалиштиён ӯро дастгир карда, чашмонашро канданд, ва ӯро
ба Ғазза оварда, бо занҷири дуқабатаи мисин бастанд, ва ӯ дар
зиндон дастос мекард.
[22] Ва мӯйсараш, ки тарошида шуда буд, аз нав баромадан гирифт.

## Мамоти Шимшӯн.

[23] Ва сарварони фалиштиён ҷамъ шуданд, то ки барои худои худ
Доҷӯн қурбонии бузурге оварда, димоғчоқӣ кунанд, ва гуфтанд:
«Худои мо душмани мо Шимшӯнро ба дасти мо таслим намуд»+.
[24] Ва чун қавм ӯро диданд, худои худро мадҳ карданд, зеро ки
гуфтанд:
«Худои мо душмани моро, ки харобкунандаи замини мо буда,
бисьёреро аз мо куштааст,
ба дасти мо таслим намуд».
[25] Ва чун димоғашон чоқ шуд, гуфтанд: «Шимшӯнро бихонед, то ки
бозӣ карда, моро дилхуш гардонад». Ва Шимшӯнро аз зиндон
оварданд, ва ӯ онҳоро дилхуш гардонид, ва ӯро дар миёни ду сутун
гузоштанд.
[26] Ва Шимшӯн ба амраде ки дасти ӯро нигоҳ медошт, гуфт: «Маро
вогузор, то сутунҳоеро, ки хона бар онҳо қоим аст, ламс намоям ва
бар онҳо такья кунам».
[27] Ва хона аз мардон ва занон пур буд, ва ҳамаи сарварони
фалиштиён дар он ҷо буданд; ва бар боми он тақрибан се ҳазор мард
ва зан буданд, ки бозии Шимшӯнро тамошо мекарданд.
[28] Ва Шимшӯн сӯи Худованд хонда, гуфт: «Худоё Худовандо!
Лутфан, маро ба ёд овар ва фақат ҳамин дафъа тақвият намо, эй
Худо, то ки ман якбора барои ду чашми худ аз фалиштиён интиқом
гирам».
[29] Ва Шимшӯн ду сутуни миёнаро, ки хона бар онҳо қоим буд, —
якеро бо дасти росташ ва дигареро бо дасти чапаш, — дар оғӯш
гирифта, бар онҳо такья кард.
[30] Ва Шимшӯн гуфт: «Бигзор ҷони ман бо фалиштиён бимирад!» Ва
бо тамоми қувваташ фишор дод, ва хона бар сарварон ва бар тамоми
қавме ки дар он буданд, фурӯ рафт; ва мурдагоне ки ӯ дар мамоти
худ кушт, аз мурдагоне ки дар ҳаёти худ кушта буд, бештар буданд.

31 Ва бародарони ӯ ва тамоми хонадони падари ӯ фурӯд омаданд,
ва ӯро бардошта бурданд, ва дар миёни Соръо ва Эштоӯл, дар
мақбараи падараш Монӯаҳ дафн карданд. Ва ӯ бист сол бар Исроил
доварӣ намуд.

## Исьёни авом ва аҳли дин.

17 [1] Ва шахсе аз кӯҳи Эфроим буд, ки Михойҳу ном дошт.
[2] Ва ӯ ба модари худ гуфт: «Ҳазору сад сиқл нуқрае ки аз ту
рабуда шуд, ва дар бораи он ту лаънат хондӣ ва дар гӯшҳои ман низ
гуфтӣ, — инак, он нуқра дар дасти ман аст: ман онро гирифта будам».
Ва модараш гуфт: «Худованд писарамро баракат диҳад!»+
[3] Ва он ҳазору сад сиқл нуқраро ба модараш баргардонид. Ва
модараш гуфт: «Ман ин нуқраро комилан ба Худованд аз дасти худ
барои писарам вақф намудаам, то ки санами тарошидае ва бути
рехтае бисозад; ва акнун онро ба ту бармегардонам»+.
[4] Вале ӯ нуқраро ба модараш баргардонид. Ва модараш дусад сиқл
нуқраро гирифта, ба заргар дод, ки вай санам ва бут сохт, ва онҳо дар
хонаи Михойҳу буд+.
[5] Ва ин шахс, яъне Михо, хонае барои ибодати худо дошт; ва ӯ эфӯд
ва трофим* сохт, ва яке аз писарони худро баргумошт, то ки коҳини
ӯ бошад+.
[6] Дар он айём подшоҳе дар Исроил набуд; ҳар кас он чи ба назараш
писанд меомад, мекард+.
[7] Ва ҷавоне аз Байт-Лаҳми Яҳудо буд, ки дар миёни қабилаи Яҳудо
зиндагӣ мекард; вале ӯ левизода буда, дар он ҷо сукунат дошт+.
[8] Ва ин шахс аз шаҳр, аз Байт-Лаҳми Яҳудо, равона шуд, то дар
мавзее ки ба муддаои табъаш бошад, маскан гирад; ва ба кӯҳи
Эфроим то хонаи Михо расид, то ки аз он ҷо сафарашро давом диҳад.
[9] Ва Михо ба ӯ гуфт: «Аз куҷо омадаӣ?» Ва ӯ дар ҷавоб гуфт: «Ман
левизодае аз Байт-Лаҳми Яҳудо ҳастам, ва меравам, то дар мавзее ки
ба муддаои табъам бошад, маскан гирам».
[10] Ва Михо ба ӯ гуфт: «Назди ман маскан гир, ва бароям падар ва
коҳин бош, ва ман ба ту ҳар сол даҳ сиқл нуқра, ва як даста либос ва
ризқу рӯзӣ медиҳам». Ва левизода омад,
[11] Ва левизода розӣ шуд, ки назди ин мард маскан гирад; ва он
ҷавон назди вай мисли яке аз писаронаш буд.
[12] Ва Михо левизодаро баргумошт, ва ҷавон коҳини ӯ шуд, ва дар
хонаи Михо маскан гирифт.
[13] Ва Михо гуфт: «Акнун донистам, ки Худованд ба ман эҳсон
хоҳад кард, зеро ки левизода коҳини ман шудааст».

## Сибти Дон бутпарастиро барқарор менамояд.

**18** 1 Дар он айём подшоҳе дар Исроил набуд; ва дар он айём
сибти Дон барои худ мулке аз баҳри маскан гирифтан
меҷустанд, зеро ки то он вақт ба онҳо мулке андаруни сибтҳои
Исроил нарасида буд+.
2 Ва банӣ-Дон аз қабилаи худ, аз миёни тамоми ҷамоати худ, панҷ
нафарро, ки мардони ҷангии далер буданд, аз Соръо ва Эштоӯл
фиристоданд, то ки заминро ҷосусӣ ва тафтиш кунанд; ва ба онҳо
гуфтанд: «Рафта, заминро тафтиш намоед!» Ва онҳо ба кӯҳи Эфроим
то хонаи Михо расида, дар он ҷо шабро гузарониданд+.
3 Ҳангоме ки онҳо назди хонаи Михо буданд, овози он ҷавони
левизодаро шинохтанд, ва ба он ҷо дохил шуда, ба ӯ гуфтанд: «Кист,
ки туро ба ин ҷо овардааст? Ва дар ин макон ту чӣ мекунӣ? Ва дар ин
ҷо чӣ кор дорӣ?»
4 Ва ӯ ба онҳо гуфт: «Михо ба ман чунин ва чунин рафтор намуд,
ва маро киро кард, ва ман коҳини ӯ шудаам».
5 Ва ба ӯ гуфтанд: «Лутфан, аз Худо бипурс, то бидонем, ки оё роҳи
мо, ки ба он меравем, бомуваффақият хоҳад буд?»+
6 Ва коҳин ба онҳо гуфт: «Ба саломатӣ биравед: роҳе ки шумо
меравед, зери назари Худованд аст».
7 Ва он панҷ нафар рафта, ба Лаиш расиданд, ва қавмеро, ки дар он
ҷо буданд, диданд, ки онҳо дар амният, бар тибқи русуми сидӯниёни
ором ва бепарво умр ба сар мебурданд, ва дар ин замин ҳокиме
набуд, ки осебе расонад, ва онҳо аз сидӯниён дур буда, бо касе коре
надоштанд+.
8 Ва назди бародарони худ ба Соръо ва Эштоӯл омаданд, ва
бародаронашон ба онҳо гуфтанд: «Чӣ хабаре овардед?»
9 Ва онҳо гуфтанд: «Бархезем ва бар онҳо битозем, зеро замине
дидем, ки бағоят хуб аст. Вале шумо хомӯш нишастаед? Танбалӣ
накунед, балки рафта дохил шавед ва он заминро тасарруф намоед.
10 Чун биравед, назди қавми бепарвое хоҳед омад, ва он замин
паҳновар аст, ва Худованд онро ба дасти шумо супурдааст, — чунон
мавзеест, ки аз ҳеҷ чизи рӯи замин камӣ надорад».
11 Ва аз он ҷо аз қабилаи Дон, аз Соръо ва Эштоӯл, шашсад одами
дорои асбоби ҷангӣ раҳсипор шуданд.

12 Ва баромада, дар Қирьят-Еорим, дар Яҳудо ӯрду заданд; бинобар
ин то имрӯз он маконро ӯрдугоҳи Дон меноманд; он дар ақиби
Қирьят-Еорим воқеъ аст+.
13 Ва онҳо аз он ҷо ба кӯҳи Эфроим гузашта, ба хонаи Михо
расиданд,
14 Ва он панҷ нафар, ки барои ҷосусӣ ба замини Лаиш рафта
буданд, ба бародарони худ сухан ронда, гуфтанд: «Оё медонед, ки дар
ин хонаҳо эфӯд ва трофим ва санам ва бут ҳаст? Ва акнун фаҳм
намоед, ки чӣ кор бояд бикунед».
15 Ва ба он ҷо рафта, ба хонаи ҷавони левизода, яъне ба хонаи
Михо даромаданд, ва аз ӯ аҳволпурсӣ карданд.
16 Ва он шашсад одам аз банӣ-Дон, ки асбоби ҷангӣ доштанд, дар
даҳани дарвоза истода буданд.
17 Ва он панҷ нафар, ки барои ҷосусии замин рафта буданд,
баромада, ба он ҷо дохил шуданд, ва санам ва эфӯд ва трофим ва
бутро гирифтанд, дар сурате ки коҳин бо он шашсад одами дорои
асбоби ҷангӣ дар даҳани дарвоза истода буд.
18 Ва ҳангоме ки инҳо ба хонаи Михо дохил шуда, санам ва эфӯд ва
трофим ва бутро гирифтанд, коҳин ба онҳо гуфт: «Чӣ мекунед?»
19 Онҳо ба ӯ гуфтанд: «Хомӯш шуда, дастатро бар даҳонат бимон,
ва бо мо омада, барои мо падар ва коҳин бош. Кадомаш барои ту
беҳтар аст: коҳини хонаи як шахс бошӣ, ё ки коҳини сибт ва қабилае
дар Исроил бошӣ?»
20 Ва коҳин дилшод гардид, ва эфӯд ва трофим ва санамро
гирифта, андаруни қавм дохил шуд.
21 Ва онҳо тоб хӯрда, раҳсипор шуданд; ва кӯдакон ва чорпоён ва
бору будро пешопеши худ гузоштанд.
22 Вақте ки онҳо аз хонаи Михо дур шуданд, мардуме ки дар
хонаҳои гирду пеши хонаи Михо буданд, ҷамъ шуда, банӣ-Донро
таъқиб карданд,
23 Ва банӣ-Донро фарьёд карданд, ва инҳо рӯи худро гардонида, ба
Михо гуфтанд: «Туро чӣ шудааст, ки инҳоро ҷамъ карда омадаӣ?»
24 Ва ӯ гуфт: «Худоёни маро, ки сохтаам, бо коҳин гирифта
рафтаед. Барои ман боз чӣ чизе боқӣ мондааст? Пас, чӣ гуна ҷуръат
намуда, мегӯед, ки „туро чӣ шудааст?“»+

25 Ва банӣ-Дон ба ӯ гуфтанд: «Овозатро дар миёни мо баланд
накун, мабодо одамони тундмизоҷ бар шумо ҳуҷум оваранд, ва ту
ҷони худ ва ҷони аҳли байти худро ба ҳалокат расонӣ».
26 Ва банӣ-Дон ба роҳи худ рафтанд; ва чун Михо дид, ки онҳо аз ӯ
пурзӯртаранд, тоб хӯрда, ба хонаи худ баргашт.
27 Ва онҳо он чиро, ки Михо сохта буд, ва коҳинеро, ки ӯ дошт,
гирифта, бар Лаиш, бар зидди қавме ки ором ва бепарво буданд,
тохтутоз карданд, ва онҳоро ба дами шамшер куштанд, ва шаҳрро
оташ дода сӯзониданд+.
28 Ва касе набуд, ки раҳоӣ диҳад, зеро ки он аз Сидӯн дур буд, ва
онҳо ба касе робитае надоштанд, ва он дар водие ки назди Байт-Реҳӯб
аст, воқеъ буд. Ва шаҳрро бино карда, дар он маскан гирифтанд+.
29 Ва шаҳрро ба номи падари худ Дон, ки барои Исроил таваллуд
шуда буд, Дон номиданд; валекин номи шаҳр аввал Лаиш буд.
30 Ва банӣ-Дон он санамро барои худ барқарор карданд; ва
Еҳӯнотон ибни Ҷершӯи ибни Менашше, худаш ва писаронаш, то рӯзи
асир шудани аҳли ин замин коҳинони сибти Дон буданд+.
31 Ва санами Михоро, ки сохта буд, дар тамоми айёме ки хонаи
Худо дар Шилӯ буд, барои худ гузоштанд+.

## Воқеаи даҳшатангез дар Ҷабъа.

**19** 1 Ва дар он айёме ки подшоҳе дар Исроил набуд, марди
левизодае дар ақсои кӯҳи Эфроим сукунат дошт, ва зани
суррияе аз Байт-Лаҳми Яҳудо барои худ гирифта буд+.
2 Ва суррияи ӯ аз ӯ қаҳр карда, аз пеши ӯ ба хонаи падари худ, ба
Байт-Лаҳми Яҳудо рафт, ва дар он ҷо чор моҳ бимонд.
3 Ва шавҳараш бархоста, аз пушти вай рафт, то ки дили варо ёфта,
варо назди худ баргардонад; ва навкараш ва як ҷуфт хараш ҳамроҳи ӯ
буд. Вай ӯро ба хонаи падари худ овард, ва падари занак ӯро дида, бо
хурсандӣ ӯро пешвоз гирифт.
4 Ва падарарӯсаш, яъне падари занак, ӯро нигоҳ дошт, ва ӯ се рӯз
назди вай истод; ва хӯрданд ва нӯшиданд ва дар он ҷо шабро
гузарониданд.
5 Ва дар рӯзи чорум онҳо бомдодон бармаҳал бедор шуданд, ва ӯ
бархост, то ки равона шавад; ва падари занак ба домодаш гуфт: «Дили
худро бо луқмаи нон боқувват намо, ва баъд равона шавед».
6 Ва ҳар ду нишаста, якҷоя хӯрок хӯрданд ва нӯшиданд; ва падари
занак ба он мард гуфт: «Лутфан, имшаб дар ҳамин ҷо бимон, то
дилат шод гардад».
7 Ва он мард бархост, то ки равона шавад, валекин падарарӯсаш аз
ӯ бисьёр хоҳиш намуд, ва ӯ монда, шабро дар он ҷо гузаронид.
8 Ва дар рӯзи панҷум ӯ бомдодон бармаҳал бедор шуд, то ки
равона шавад, ва падари занак ба ӯ гуфт: «Лутфан, дили худро
боқувват намо, ва то гашти пешин таъхир кунед». Ва ҳар ду хӯрок
хӯрданд.
9 Ва он мард бархост, то ки равона шавад, — худаш ва суррияаш ва
навкараш. Ва падарарӯси ӯ, падари занак, ба ӯ гуфт: «Инак, рӯз ба
ғуруб наздик мешавад; лутфан, имшаб бимонед; инак, рӯз тамом
мешавад; шабро дар ин ҷо бигзарон, то дилат шод гардад; ва фардо
бармаҳал бедор шуда, роҳи худро давом хоҳед дод, ва ту ба хаймаи
худ хоҳӣ расид».
10 Вале он мард ба шабгузаронӣ розӣ нашуд, ва бархоста, равона
шуд ва то рӯ ба рӯи Ябус, ки Ерусалим бошад, расид, ва ҷуфти харони
полондор ҳамроҳи ӯ буд, ва суррияи ӯ бо ӯ буд+.

[11] Вақте ки онҳо ба Ябус расиданд, рӯз бағоят ба ғуруб наздик буд,
ва навкар ба оғояш гуфт: «Биёед, ба ин шаҳри ябусиён дохил шуда,
шабро дар он ҷо бигзаронем».
[12] Оғояш ба вай гуфт: «Ба шаҳри бегона, ки сокинонаш аз банӣ-
Исроил нестанд, доҳил намешавем, балки ба Ҷабъа мегузарем».
[13] Ва ба навкари худ гуфт: «Рафта, ба яке аз маконҳо мерасем, ва
шабро дар Ҷабъа ё дар Ромо мегузаронем».
[14] Ва аз он ҷо гузашта рафтанд, ва назди Ҷабъа, ки мулки
Биньёмин аст, офтоб бар онҳо ғуруб кард.
[15] Ва ба он ҷо тоб хӯрданд, то ки омада, шабро дар Ҷабъа
бигзаронанд; ва ӯ омада, дар кӯчаи шаҳр нишаст, ва касе набуд, ки
онҳоро ба хонаи худ бурда, барои шабгузаронӣ ҷой диҳад.
[16] Ва инак, пирамарде бегоҳирӯзӣ аз кори худ аз саҳро бармегашт;
ва ин мард аз кӯҳи Эфроим буда, дар Ҷабъа сукунат дошт, вале
мардуми ин макон аз сибти Биньёмин буданд.
[17] Ва ӯ назар андохта дид, ки роҳгузаре дар кӯчаи шаҳр
нишастааст; ва пирамард гуфт: «Куҷо меравӣ? Ва аз куҷо омадаӣ?»
[18] Дар ҷавоби ӯ гуфт: «Мо аз Байт-Лаҳми Яҳудо то ақсои кӯҳи
Эфроим меравем, ки ман аз он ҷо ҳастам; ба Байт-Лаҳми Яҳудо рафта
будам, ва алҳол сӯи хонаи Худованд меравам; ва касе нест, ки маро
ба хонаи худ бибарад.
[19] Ва коҳу беда барои харони мо ҳаст, ва нону шароб низ барои
ман ва барои канизи ту ва барои навкаре ки ҳамроҳи бандагони туст;
аз ҳеҷ чиз камӣ надорем».
[20] Пирамард гуфт: «Осоиштагӣ бар ту бод; ҳар камии ту бар ман
аст; лекин дар кӯча шабгузаронӣ накун»+.
[21] Ва ӯро ба хонаи ҳуд овард, ва ба харон хӯрок дод; ва онҳо пойҳои
худро шустанд, ва хӯрданд, ва нӯшиданд.
[22] Ҳангоме ки онҳо дили худро шод мекарданд, инак, мардуми
шаҳр, шахсони сафилзода, хонаро иҳота намуда, дари онро сахт
кӯфтанд, ва ба он пирамарди соҳибхона сухан ронда, гуфтанд: «Он
мардро, ки ба хонаи ту даромадааст, берун ор, то ки бо ӯ бихобем»+.
[23] Ва марди соҳибхона назди онҳо баромада, ба онҳо гуфт: «Не,
бародаронам, лутфан, бадкорӣ накунед; модоме ки ин мард ба хонаи
ман даромадааст, ин кори зиштро накунед.

24 Инак, духтари бокираи ман ва суррияи ӯ, — ман онҳоро берун
меоварам, ва шумо ба номӯси онҳо таҷовуз намоед, ва ҳар чи дар
назаратон писанд ояд, ба онҳо бикунед, вале ба ин мард ин кори
зиштро накунед».
25 Валекин он шахсон нахостанд сухани ӯро бишнаванд. Ва он
мард суррияи худро гирифта, назди онҳо берун овард; ва онҳо бо вай
хобиданд, ва тамоми шаб то субҳ азият доданд, ва баробари
дамидани саҳар варо вогузоштанд.
26 Ва занак субҳидам омада, назди дари он мард, ки оғояш дар он
ҷо буд, беҳуш шуда афтод, ва то равшан шудани рӯз дар он ҷо хобид.
27 Бомдодон оғои вай бархоста, дари хонаро воз кард, ва берун
омад, то ки ба роҳи худ равона шавад; ва инак, зани суррияи ӯ дар
даҳани дари хона афтодааст, ва дастҳояш бар остона буд.
28 Ва ӯ ба вай гуфт: «Бархез, то ки биравем!» Вале касе ҷавоб надод.
Пас варо гирифта, бар хар гузошт, ва он мард бархоста, ба макони худ
рафт.
29 Ва ҳангоме ки ба хонаи худ расид, корде гирифт, ва суррияи
худро гирифта, андоми бадани варо ба дувоздаҳ қисм пора кард, ва
онҳоро ба тамоми ҳудуди Исроил фиристод+.
30 Ва ҳар кӣ инро медид, мегуфт: «Аз рӯзе ки банӣ-Исроил аз
замини Миср баромадаанд, то имрӯз чунин коре карда ва дида
нашудааст; ба ин диққат диҳед, машварат намоед ва бигӯед».

## Ҷанг дар миёни сибти Биньёмин ва сибтҳои дигар.

20 [1] Ва тамоми банӣ-Исроил берун омаданд, ва ҷамоат мисли як
тан, аз Дон то Беэр-Шобаъ ва замини Ҷилъод, ба ҳузури
Худованд дар Мисфо ҷамъ шуданд+.
[2] Ва сардорони тамоми қавм, ҳамаи сибтҳои Исроил, дар
ҷамъомади қавми Худо, ки аз чорсад ҳазор нафар пиёдаи шамшерзан
иборат буданд, ҳозир шуданд.
[3] Ва банӣ-Биньёмин шуниданд, ки банӣ-Исроил ба Мисфо
омадаанд. Ва банӣ-Исроил гуфтанд: «Бигӯед, ки ин шарорат чӣ гуна
рӯй додааст»?
[4] Ва он марди левизода, шавҳари занаке ки кушта шуда буд, ҷавоб
гардонида, гуфт: «Ман бо суррияи худ ба Ҷабъа, ки мулки Биньёмин
аст, омадам, то ки шабро бигзаронам.
[5] Ва сокинони Ҷабъа бар ман қиём карданд, ва хонаеро, ки дар он
будам, шабона иҳота намуданд. Маро мехостанд бикушанд, ва
суррияи маро он қадар азият доданд, ки вай мурд.
[6] Ва ман суррияи худро гирифта, пора-пора кардам, ва онро ба
ҳамаи шаҳрҳои мулки Исроил фиристодам, зеро ки онҳо кори қабеҳ
ва зиште дар Исроил ба амал оварданд+.
[7] Инак ҳамаи шумо, эй банӣ-Исроил, муҳокима ва машварати
худро дар ин ҷо бикунед».
[8] Ва тамоми қавм, чун як тан, қиём намуда, гуфтанд: «Ҳеҷ яке аз
мо ба хаймаи худ нахоҳем рафт, ва ҳеҷ яке аз мо ба хонаи худ
нахоҳем шитофт.
[9] Ва алҳол мо бояд дар ҳаққи Ҷабъа чунин коре бикунем:
мувофиқи қуръа бар он битозем.
[10] Ва даҳ нафар аз сад аз ҳамаи сибтҳои Исроил, ва сад нафар аз
ҳазор, ва ҳазор нафар аз бевар бигирем, то ки тӯша барои қавм
биёранд; ва ҳамин ки онҳо баргарданд, мо ба Ҷабъаи Биньёмин
мувофиқи тамоми қабоҳате ки вай дар ҳаққи Исроил ба амал
овардааст, амал намоем».
[11] Ва ҳамаи исроилиён якдилона, чун як тан, назди он шаҳр ҷамъ
омаданд.
[12] Ва сибтҳои Исроил ба тамоми сибти Биньёмин одам фиристода,
гуфтанд: «Ин чӣ шароратест, ки дар миёни шумо рӯй додааст?

13 Ва акнун он шахсони сафилзодаро, ки дар Ҷабъа ҳастанд,
таслим намоед, то ки онҳоро ба қатл расонида, шароратро аз Исроил
нест кунем». Валекин банӣ-Биньёмин нахостанд, ки овози
бародарони худ банӣ-Исроилро бишнаванд+.
14 Ва банӣ-Биньёмин аз шаҳрҳо дар Ҷабъа ҷамъ шуданд, то ки бо
банӣ-Исроил ҷанг кунанд.
15 Ва аз банӣ-Биньёмин дар он рӯз аз шаҳрҳо бисту шаш ҳазор
марди шамшерзан саф кашиданд; ғайр аз ин, аз сокинони Ҷабъа
ҳафтсад нафар баргузидагон саф кашиданд+.
16 Аз тамоми ин қавм ҳафтсад марди баргузидаи чапдаст буданд,
ва ҳамаи инҳо ба мӯе санг меандохтанд, ва хато намекарданд+.
17 Ва аз исроилиён, ғайр аз Биньёмин, чорсад ҳазор нафар
шамшерзан саф кашиданд, ки ҳамаашон мардони ҷангӣ буданд+.
18 Ва бархоста, ба Байт-Ил рафтанд, ва аз Худо пурсиданд, ва банӣ-
Исроил гуфтанд: «Кист, ки аз миёни мо аввал бар зидди банӣ-
Биньёмин ба ҷанг барояд?» Ва Худованд гуфт: «Яҳудо аввал
барояд»+.
19 Ва банӣ-Исроил бомдодон бархоста, назди Ҷабъа ӯрду заданд.
20 Ва исроилиён берун омаданд, то ки бо Биньёмин ҷанг кунанд, ва
исроилиён назди Ҷабъа ба муқобили онҳо барои ҷанг саф бастанд.
21 Ва банӣ-Биньёмин аз Ҷабъа берун омада, дар он рӯз бисту ду
ҳазор нафарро аз исроилиён кушта бар замин ғалтониданд+.
22 Вале қавм, яъне исроилиён, қувват ёфта, дар ҳамон ҷое ки рӯзи
якум саф баста буданд, аз нав барои ҷанг саф бастанд.
23 Ва банӣ-Исроил баромада, ба ҳузури Худованд то шом
гиристанд, ва аз Худованд пурсида, гуфтанд: «Оё боз бар зидди
бародарони худ банӣ-Биньёмин барои ҷанг наздик оем?» Ва
Худованд ғуфт: «Бар зидди онҳо бароед».
24 Ва банӣ-Исроил дар рӯзи дуюм ба ҷониби банӣ-Биньёмин пеш
омаданд.
25 Ва биньёминиён дар рӯзи дуюм ба пешвози онҳо аз Ҷабъа берун
омаданд ва аз банӣ-Исроил боз ҳаждаҳ ҳазор нафарро кушта бар
замин ғалтониданд, ки ҳамаашон шамшерзан буданд.
26 Ва тамоми банӣ-Исроил, тамоми қавм баромада, ба Байт-Ил
омаданд, ва гириста, дар он ҷо ба хузури Худованд нишастанд, ва дар

он рӯз то шом рӯза доштанд, ва қурбониҳои сӯхтанӣ ва қурбониҳои саломатӣ ба ҳузури Худованд оварданд.

27 Ва банӣ-Исроил аз Худованд пурсиданд, — ва сандуқи аҳди Худо дар он вақт дар он ҷо буд,+

28 Ва Финҳос ибни Элъозор ибни Ҳорун дар он айём пеши он меистод, — ва гуфтанд: «Оё боз бар зидди бародарони худ банӣ-Биньёмин ба ҷанг бароям, ё даст кашам?» Ва Худованд гуфт: «Бароед, зеро ки фардо онҳоро ба дасти ту хоҳам супурд».

29 Ва исроилиён гирдогирди Ҷабъа каминҳо гузоштанд+.

30 Ва банӣ-Исроил дар рӯзи сеюм ба муқобили банӣ-Биньёмин баромаданд, ва мисли дафъаҳои пеш назди Ҷабъа саф бастанд.

31 Ва банӣ-Биньёмин ба пешвози қавм берун омада, аз шаҳр дур шуданд, ва дар роҳҳо, ки яке сӯи Байт-Ил ва дигаре сӯи Ҷабъа мебурд, мисли дафъаҳои пеш ба куштани қавм шурӯъ карданд, ва қариб сӣ нафар аз исроилиён дар саҳро кушта шуданд.

32 Ва банӣ-Биньёмин гуфтанд: «Онҳо пеши мо, мисли пештара, фурӯ меғалтанд». Вале банӣ-Исроил гуфтанд: «Бигрезем, то ки ӯро аз шаҳр ба сӯи роҳҳо дур кунем»+.

33 Ва ҳамаи исроилиён аз ҷои худ бархоста, дар Баал-Томор саф бастанд; ва каминварони Исроил аз камингоҳи худ, аз майдони назди Ҷабъа ҷаста баромаданд.

34 Ва даҳ ҳазор марди баргузида, ки аз тамоми Исроил буданд, аз пеши Ҷабъа наздик омаданд, ва ҳарбу зарби сахте рӯй дод, ва биньёминиён надонистанд, ки фалокате ба сарашон меояд.

35 Ва Худованд ба Биньёмин пеши Исроил шикаст расонид, ва банӣ-Исроил дар он рӯз бисту панҷ ҳазору сад нафарро аз Биньёмин куштанд, ки ҳамаашон шамшерзан буданд.

36 Ба назари банӣ-Биньёмин чунин намуд, ки шикаст расонидаанд; вале исроилиён барои Биньёмин ҷой холӣ карда буданд, зеро умедашон ба он камине буд, ки назди Ҷабъа гузошта буданд.

37 Ва каминварон шитофта, ба Ҷабъа ҳуҷум карданд; ва каминварон паҳн шуда рафта, тамоми аҳли шаҳрро ба дами шамшер куштанд+.

38 Ва аломате дар миёни исроилиён ва каминварон қарор дода шуда буд, ки онҳо бояд аз даруни шаҳр сутунҳои ғафси дудро баланд

кунанд.
[39] Ва ҳангоме ки исроилиён дар ҷанг қафо гаштанд, ва Биньёмин
ба задани исроилиён шурӯъ намуда, тақрибан сӣ нафарро аз онҳо
куштанд, ва гуфтанд: «Онҳо пеши мо мисли ҷанги якум фурӯ
меғалтанд», —
[40] Дар ҳамин вақт аз шаҳр сутуни ғафси дуд баланд шудан гирифт,
ва биньёминиён ба ақиби худ назар андохтанд, ва инак, дуд аз
тамоми шаҳр сӯи осмон мебарояд,
[41] Ва исроилиён баргаштанд, ва биньёминиён ба воҳима афтоданд,
зеро диданд, ки фалокат бар сарашон омадааст.
[42] Ва онҳо аз пеши исроилиён ба тарафи роҳи биёбон рӯй тофтанд,
вале ҳарбу зарб онҳоро дар он ҷо низ таъқиб мекард, ва касонеро, ки
аз шаҳрҳо мебаромаданд, андаруни он мекуштанд.
[43] Биньёминиёнро иҳота намуда, гирифтори таъқиб карданд, ва
дар Менуҳо, ки дар рӯ ба рӯи тарафи шарқии Ҷабъа воқеъ аст, онҳоро
торумор сохтанд.
[44] Ва ҳаждаҳ ҳазор нафар аз биньёминиён фурӯ ғалтиданд, ки
ҳамаашон мардони ҷангӣ буданд.
[45] Ва онҳо тоб хӯрда, ба биёбон, сӯи сахраи Риммӯн гурехтанд,
вале аз онҳо панҷ ҳазор нафарро дар роҳҳо ба ҳалокат расониданд; ва
онҳоро то Ҷидъӯм таъқиб карда, аз онҳо ду ҳазор нафарро куштанд+.
[46] Ҳамаи касоне ки аз Биньёмин дар он рӯз талаф шуданд, бисту
панҷ ҳазор нафар шамшерзан буданд, ки ҳамаашон мардони ҷангӣ
буданд.
[47] Ва шашсад нафар тоб хӯрда, ба биёбон, сӯи сахраи Риммӯн
гурехтанд, ва чор моҳ дар сахраи Риммӯн истоданд.
[48] Ва исроилиён назди банӣ-Биньёмин баргашта, онҳоро ба дами
шамшер куштанд: тамоми аҳли шаҳр ва чорпоён ва ҳар чиро, ки
ёфтанд; низ ҳамаи шаҳрҳоеро, ки ёфтанд, оташ дода сӯзониданд.

## Тақдири баъдинаи сибти Биньёмин.

21 1 Ва исроилиён дар Мисфо қасам хӯрда, гуфтанд: «Касе аз мо
духтарашро ба биньёминӣ ба занӣ нахоҳад дод»+.
2 Ва қавм ба Байт-Ил омада, то шом дар он ҷо ба хузури Худо
нишастанд, ва овози худро баланд карда, зор-зор гиристанд.
3 Ва гуфтанд: «Чаро, эй Худованд Худои Исроил, чунин воқеа дар
Исроил рӯй дод, ки имрӯз як сибт аз Исроил кам мешавад?»
4 Ва фардояш қавм субҳидам бархоста, дар он ҷо қурбонгоҳ бино
карданд, ва қурбониҳои сӯхтанӣ ва қурбониҳои саломатӣ оварданд.
5 Ва банӣ-Исроил гуфтанд: «Кист аз ҳамаи сибтҳои Исроил, ки ба
ҷамъомади назди Худованд наомадааст?» Зеро қасами сахт хӯрда
гуфта буданд, ки ҳар кӣ назди Худованд ба Мисфо наомада бошад,
бояд ҳатман кушта шавад.
6 Ва банӣ-Исроил дар хусуси бародари худ Биньёмин пушаймон
шуда, гуфтанд: «Имрӯз як сибт аз Исроил маҳв шуд+.
7 Пас, бо бақияи онҳо дар бобати занон чӣ бояд бикунем? Мо,
охир, ба Худованд қасам хӯрдаем, ки духтарони худро ба онҳо ба
занӣ надиҳем».
8 Ва гуфтанд: «Оё ягон сибти Исроил ҳаст, ки ба Мисфо назди
Худованд наомада бошад?» Ва инак, аз Ёбиш-Ҷилъод касе ба
ҷамъомади ӯрдугоҳ наомадааст+.
9 Ва қавм аз назар гузаронида шуданд, ва инак, аз сокинони Ёбиш-
Ҷилъод касе дар он ҷо набуд.
10 Ва ҷамоат дувоздаҳ ҳазор нафар ҷанговарони далерро ба он ҷо
фиристоданд, ва ба онҳо амр фармуда, гуфтанд: «Биравед ва
сокинони Ёбиш-Ҷилъодро бо занон ва кӯдаконашон ба дами шамшер
бикушед.
11 Ва чунин аст коре ки бояд бикунед: ҳар мард ва ҳар занеро, ки
бо мард хобида бошад, маҳв намоед»+.
12 Ва аз миёни сокинони Ёбиш-Ҷилъод чорсад духтари бокираи бо
мард нахобидаро ёфтанд, ва онҳоро ба ӯрдугоҳи Шилӯ, ки дар
замини Канъон аст, оварданд+.
13 Ва тамоми ҷамоат назди банӣ-Биньёмин, ки дар сахраи Риммӯн
буданд, барои гуфтугӯ кас фиристода, онҳоро ба сулҳ даъват
карданд+.

[14] Дар он вақт биньёминиён баргаштанд, ва духтаронеро, ки аз
занони Ёбиш-Ҷилъод зинда нигоҳ дошта буданд, ба онҳо доданд, вале
ин адад барояшон кифоят накард.
[15] Валекин қавм дар хусуси Биньёмин пушаймон буданд, зеро ки
Худованд дар сибтҳои Исроил рахнае ба амал оварда буд.
[16] Ва пирони ҷамоат гуфтанд: «Бо бақияи онҳо дар бобати занон
чӣ бояд бикунем? Зеро ки занон аз байни Биньёмин маҳв шудаанд».
[17] Ва гуфтанд: «Бигзор мулки Биньёмин мероси растагорони вай
гардад, то сибте аз Исроил маҳв нашавад.
[18] Вале мо наметавонем духтарони худро ба онҳо ба занӣ диҳем,
зеро ки банӣ-Исроил қасам хӯрда, гуфтаанд: „Малъун бод касе ки ба
Биньёмин зан диҳад!“»
[19] Ва гуфтанд: «Инак, дар Шилӯ, ки ба тарафи шимолии Байт-Ил ва
ба тарафи шарқии роҳе ки аз Байт-Ил ба Шакем мебарад, ва ба
тарафи ҷанубии Лабӯно воқеъ аст, ҳар сол иди Худованд гузаронида
мешавад».
[20] Ва ба банӣ-Биньёмин амр фармуда, гуфтанд: «Биравед ва дар
токзорҳо камин гиред.
[21] Ва чун дидед, ки инак, духтарони Шилӯ барои рақсидан ба
майдони рақсу суруд баромадаанд, шумо аз токзорҳо берун омада,
ҳар яке барои худ аз духтарони Шилӯ зане бирабоед ва ба замини
Биньёмин биравед+.
[22] Ва ҳангоме ки падарон ё бародарони онҳо назди мо омада
шикоят кунанд, мо ба онҳо хоҳем гуфт: „Онҳоро бибахшед, зеро ки
ҳар яке зани худро дар ҷанг ба даст наовардаанд, ва шумо низ ба
онҳо надодаед, ки алҳол айбдор шавед“».
[23] Пас, банӣ-Биньёмин ҳамин тавр амал карданд, ва бар ҳасби
шумораи худ духтаронро аз миёни раққосагон рабуда, ба занӣ
гирифтанд, ва рафта ба мулки худ баргаштанд, ва шаҳрҳо бино карда,
дар онҳо сокин шуданд.
[24] Ва аз он ҷо банӣ-Исроил дар он вақт ҳар яке ба сибти худ ва ба
қабилаи худ равона шуданд, ва аз он ҷо ҳар яке ба мулки худ берун
омаданд.
[25] Дар он айём подшоҳе дар Исроил набуд; ҳар кас он чи ба
назараш писанд меомад, мекард+.

* 17:5 **Эфӯд ва трофим** — ҳайкалҳои (бутҳои) майдаи аз нуқра, тилло ё моддаи дигар сохташуда, ки дар миёни бутпарастон чун асбоби фолбинӣ ё пешгӯӣ истеъмол мешуд.

---

\+ 1:1 Еҳ. 24:29, Дов. 20:18

\+ 1:5 1 Подш. 11:8

\+ 1:7 Иб. 24:19

\+ 1:8 Еҳ. 15:63, 2 Подш. 5:6

\+ 1:10 Еҳ. 14:15, Ад. 13:22, Еҳ. 15:14

\+ 1:11 Еҳ. 10:38, Еҳ. 15:15

\+ 1:12 Ад. 13:30, Еҳ. 15:13-19

\+ 1:16 Ад. 24:21, Ад. 10:29-32

\+ 1:19 Еҳ. 17:16, Еҳ. 17:18

\+ 1:20 Ад. 14:24, Еҳ. 14:13, Дов. 1:10, Ад. 13:33, Так. Шар. 2:10

\+ 1:21 Еҳ. 15:63

\+ 1:23 Ҳас. 28:19

\+ 1:24 Еҳ. 2:14

\+ 1:27 Еҳ. 17:11-13

+ 1:29 Ех. 16:10, 3 Подш. 9:16

+ 1:31 Ех. 19:24-30

+ 1:33 Ех. 19:32-39

+ 1:34 Ех. 19:46

+ 1:36 Ад. 34:4, Ех. 15:3

+ 2:1 Ҳас. 17:7

+ 2:2 Так. Шар. 7:2, Так. Шар. 12:3

+ 2:3 Хур. 23:33

● 2:6 *Ех. 24:28-31*

+ 2:9 Ех. 19:50

+ 2:10 Айюб 18:21, Ирм. 9:3, 2 Тас. 1:8

+ 2:11 Дов. 3:7, Дов. 4:1, Дов. 6:1, Дов. 10:6, Дов. 13:1

+ 2:12 Так. Шар. 31:16-17

+ 2:13 1 Подш. 7:4

+ 2:14 Иб. 26:37, Ех. 7:12

+ 2:15 Иб. 26:14-46, Так. Шар. 28:15-68

+ 2:17 Хур. 34:15, Так. Шар. 31:16

+ 2:18 Хур. 2:23-25

+ 2:21 Ех. 23:12-13

+ 3:1 Ех. 13:2-6

+ 3:6 Хур. 34:16

+ 3:7 Дов. 2:11

+ 3:9 4 Подш. 13:5, Дов. 1:13

+ 3:10 Ад. 24:2, Дов. 6:34, Дов. 11:29, Дов. 13:25, Дов. 14:6, Дов. 14:19, Дов. 15:14

+ 3:15 Дов. 20:16

+ 3:27 Дов. 6:34, 1 Подш. 13:3

+ 3:28 Ех. 2:7, Дов. 7:24

+ 3:31 Дов. 5:6, 1 Подш. 13:19

+ 4:1 Дов. 2:11

+ 4:2 Ех. 11:10, 1 Подш. 12:9

+ 4:6 Ех. 19:37, Ибр. 11:32, Ирм. 46:18

+ 4:7 3 Подш. 18:40

+ 4:11 Ад. 10:29, Ад. 24:21, Дов. 1:16, Ех. 19:33

+ 4:15 Ех. 10:10

+ 5:4 Так. Шар. 33:2, 2 Подш. 22:8, Заб. 17:8, Заб. 67:9, Заб. 76:18, Заб. 96:4

+ 5:5 Хур. 19:18

+ 5:6 Дов. 3:31, Дов. 4:17

+ 5:8 Так. Шар. 32:16, 1 Подш. 13:19, 1 Подш. 13:22

+ 5:12 Заб. 56:9

+ 5:14 Ад. 32:39

+ 5:17 Ех. 13:24-28

+ 5:18 Дов. 4:10

+ 5:19 Ех. 17:11

+ 5:21 Дов. 4:7

+ 5:24 Дов. 4:17

+ 5:25 Дов. 4:19

+ 5:26 Дов. 4:21

+ 5:31 Заб. 36:6

+ 6:1 Дов. 2:11, Ҳас. 25:1, Ад. 25:17-18

+ 6:4 Иб. 26:16, Так. Шар. 28:31-33

+ 6:9 1 Подш. 10:18

+ 6:11 Еҳ. 17:2

+ 6:13 Так. Шар. 31:17

+ 6:15 1 Подш. 9:21, 1 Подш. 18:18

+ 6:16 Хур. 3:12, Еҳ. 1:5

+ 6:17 4 Подш. 20:8, Заб. 85:17

+ 6:18 Ҳас. 18:3-8

+ 6:20 Дов. 13:19

+ 6:21 Иб. 9:24, 3 Подш. 18:38

+ 6:22 Ҳас. 32:30

+ 6:33 Еҳ. 17:16, Ҳуш. 1:5

+ 6:34 Ад. 24:2, Дов. 3:10, Дов. 3:27, 1 Подш. 13:3

+ 7:2 Так. Шар. 8:17

+ 7:3 Так. Шар. 20:8

+ 7:12 Ех. 11:4, 1 Подш. 13:5

+ 7:16 1 Подш. 11:11, Айюб 1:17

+ 7:18 Ех. 6:4

+ 7:22 1 Подш. 14:20, 2 Вак. 20:22-23

+ 7:24 Ех. 2:7, Дов. 3:28

+ 7:25 Заб. 82:12

+ 8:1 Дов. 12:1

+ 8:3 Мас. 15:1

+ 8:5 Ҳас. 33:17

+ 8:6 1 Подш. 25:11

+ 8:8 Ҳас. 32:30

+ 8:11 Ад. 32:35, Ад. 32:42

+ 8:17 3 Подш. 12:25

+ 8:21 Заб. 82:12, Иш. 3:18

+ 8:22 1 Подш. 8:5

+ 8:24 Хур. 32:1-4, Ҳас. 25:12-18

+ 8:27 Так. Шар. 7:16

+ 8:31 Дов. 9:1

+ 9:4 Дов. 8:33

+ 9:5 4 Подш. 11:1

+ 9:6 Ҳас. 35:4, Ех. 24:26, 3 Подш. 12:1

+ 9:7 Так. Шар. 11:29, Так. Шар. 27:12, Ех. 8:33

+ 9:8 4 Подш. 14:9

+ 9:13 Заб. 103:15

+ 9:15 Ҳиз. 31:3

+ 9:21 Ад. 21:16

+ 9:23 1 Подш. 16:14

+ 9:28 Ҳас. 34

+ 9:29 2 Подш. 15:4

+ 9:45 3 Подш. 12:25, Так. Шар. 29:29

+ 9:48 Заб. 67:15

+ 9:53 2 Подш. 11:21

+ 9:54 1 Подш. 31:4

+ 10:4 Так. Шар. 3:14

+ 10:6 Дов. 2:11, 3 Подш. 11:5, 2 Подш. 23:13

+ 10:10 1 Подш. 7:6

+ 10:14 Так. Шар. 32:37

+ 11:1 Ибр. 11:32

+ 11:3 2 Подш. 10:6, 2 Подш. 10:8, 1 Подш. 22:2

+ 11:8 Дов. 10:18

+ 11:10 Ирм. 42:5

+ 11:13 Ад. 21:24-26

+ 11:15 Так. Шар. 2:9, Так. Шар. 2:19

+ 11:16 Ад. 13:26, Ад. 14:25

+ 11:17 Ад. 20:14-21, Так. Шар. 1:46

+ 11:18 Ад. 21:4, Ад. 21:13

+ 11:20 Ад. 21:21-23, Так. Шар. 2:26-37

+ 11:24 Ад. 21:29

+ 11:25 Ад. 22:2, Мик. 6:5

+ 11:27 Ҳас. 16:5

+ 11:29 Ад. 24:2, Дов. 3:10

+ 11:30 Ҳас. 28:20

+ 11:31 Ад. 21:2

+ 11:33 Ҳиз. 27:17

+ 11:35 Иб. 5:4, Ад. 30:3

+ 12:1 Дов. 8:1

+ 13:1 Дов. 2:11

+ 13:2 Еҳ. 19:41

+ 13:3 Дов. 6:12, Луқ. 1:28, Луқ. 1:31

+ 13:5 Ад. 6:1-21, 1 Подш. 1:11

+ 13:15 Дов. 6:18

+ 13:18 Ҳас. 32:29

+ 13:19 Дов. 6:20

+ 13:22 Ҳас. 32:30

+ 13:24 1 Подш. 2:21

+ 13:25 Ад. 24:2, Дов. 3:10

+ 14:1 Ех. 15:10, Ех. 19:43, Ҳас. 38:12

+ 14:2 Ҳас. 34:4

+ 14:3 Ҳас. 24:3, Ҳас. 24:4

+ 14:6 Ад. 24:2, Дов. 3:10

+ 14:12 Ҳас. 29:27

+ 14:15 Дов. 16:5

+ 14:16 Дов. 16:15

+ 14:19 Ад. 24:2, Дов. 3:10

+ 15:14 Ад. 24:2, Дов. 3:10

+ 15:15 Ад. 6:6, Так. Шар. 32:30, Ех. 23:10

+ 16:1 Ех. 15:47

+ 16:5 Дов. 14:15

+ 16:11 Дов. 15:13

+ 16:15 Дов. 14:16

+ 16:17 Ад. 6:2, Ад. 6:5, Дов. 13:5

+ 16:23 1 Подш. 5:2, 1 Вақ. 10:10

+ 17:2 Иб. 5:1

+ 17:3 Хур. 20:4

+ 17:4 Иш. 46:6

+ 17:5 3 Подш. 13:33

+ 17:6 Так. Шар. 12:8, Дов. 18:1, Дов. 19:1, Дов. 21:25

+ 17:7 Рут 1:1, 1 Подш. 17:12, Мик. 5:2, Мат. 2:1

+ 18:1 Дов. 17:6, Дов. 19:1, Дов. 21:25, Дов. 1:34-36

+ 18:2 Дов. 13:25, Дов. 16:31

+ 18:5 Ад. 27:21, Ҳуш. 4:12

+ 18:7 Еҳ. 19:47

+ 18:12 Еҳ. 15:60

+ 18:24 Ҳас. 31:30

+ 18:27 Ҳас. 49:17, Еҳ. 19:47

+ 18:28 2 Подш. 10:6

+ 18:30 Хур. 2:22, Хур. 18:3, 4 Подш. 17:6

+ 18:31 Еҳ. 18:1

+ 19:1 Дов. 17:6, Дов. 18:1, Дов. 21:25

+ 19:10 Еҳ. 15:8, Еҳ. 15:63, Еҳ. 18:28

+ 19:20 Ҳас. 19:2, Айюб 31:32

+ 19:22 Так. Шар. 13:13, Ҳас. 19:5-9

+ 19:29 1 Подш. 11:7

+ 20:1 1 Подш. 3:20, 2 Подш. 3:10, 2 Подш. 24:2, 1 Подш. 7:5, 1 Подш. 11:7

+ 20:6 Ҳас. 34:7

+ 20:13 Так. Шар. 13:13

+ 20:15 Ад. 1:37, Ад. 26:41

+ 20:16 Дов. 3:15

+ 20:17 1 Подш. 11:8, 2 Подш. 24:9

+ 20:18 Дов. 1:1-2

+ 20:21 Ҳас. 49:27

+ 20:27 Хур. 6:15, Ад. 25:7-13, Ех. 22:13

+ 20:29 Ех. 8:4

+ 20:32 Ех. 8:5

+ 20:37 Ех. 8:19

+ 20:45 Ех. 15:32

+ 21:1 Дов. 20:1

+ 21:6 1 Подш. 9:21

+ 21:8 1 Подш. 11:1

+ 21:11 Ад. 31:17

+ 21:12 Ех. 18:1

+ 21:13 Дов. 20:47, Так. Шар. 20:10

+ 21:21 Хур. 15:20, Дов. 11:34

+ 21:25 Так. Шар. 12:8, Дов. 17:6, Дов. 18:1, Дов. 19:1

*КИТОБИ*

# РУТ

1 2 3 4

## Рут азм намуда, бо Ноомӣ ба Байт-Лаҳм меравад.

**1** [1] Ва воқеъ шуд дар айёми ҳокимияти доварон, ки бар замин
қаҳтӣ падид омад. Ва марде аз Байт-Лаҳми Яҳудо рафт, то ки дар
ноҳияи Мӯоб маскан гирад, — ӯ ва занаш, ва ду писараш+.
[2] Номи он мард Элимелех буд, ва номи занаш — Ноомӣ, ва номи
ду писараш — Маҳлӯн ва Килйӯн. Онҳо эфротиёни Байт-Лаҳми Яҳудо
буданд, ва ба ноҳияи Мӯоб омада, дар он сокин шуданд.
[3] Ва Элимелех, шавҳари Ноомӣ, мурд, ва ӯ бо ду писараш монд.
[4] Онҳо барои худ занони мӯобия гирифтанд, ки номи яке Орфо ва
номи дигаре Рут буд; ва дар он ҷо қариб даҳ сол иқомат карданд.
[5] Ва ҳар дуяшон — Маҳлӯн ва Килйӯн низ мурданд; ва он зан аз ду
фарзандаш ва аз шавҳараш маҳрум монд.
[6] Ва ӯ бо келинҳои худ бархост, то ки аз ноҳияи Мӯоб баргардад,
зеро дар ноҳияи Мӯоб шунид, ки Худованд қавми Худро тафаққуд
намуда, ба онҳо нон додааст;
[7] Ва аз маконе ки дар он иқомат дошт, берун омад, ва ду келинаш
ҳамроҳи ӯ буданд; ва роҳсипор шуданд, то ки ба замини Яҳудо
баргарданд.
[8] Ноомӣ ба ду келини худ гуфт: «Биравед, ва ҳар яке ба хонаи
модари худ баргардед. Бигзор Худованд ба шумо эҳсон кунад, чунон
ки шумо ба мурдагон ва ба ман кардед!
[9] Бигзор Худованд ба шумо ато кунад, ки ҳар кадоматон дар хонаи
шавҳари худ фароғат ёбед!» Ва онҳоро бӯса кард. Вале онҳо овози
худро баланд карда, гиристанд,
[10] Ва ба ӯ гуфтанд, ки «бо ту назди қавми ту хоҳем баргашт».
[11] Валекин Ноомӣ гуфт: «Баргардед, духтаронам! Чаро ҳамроҳи
ман меоед? Оё ҳанӯз дар амъои ман писарон ҳастанд, ки барои шумо
шавҳар шаванд?
[12] Баргардед, духтаронам, биравед! Зеро ки ман пир шудаам ва
наметавонам шавҳар кунам. Ҳатто агар мегуфтам, ки „ҳанӯз умеде
дорам“, ва худи ҳамин шаб шавҳар мекардам ва писарон низ
мезоидам, —
[13] Оё ба онҳо то дами калон шуданашон интизорӣ хоҳед кашид? Оё
аз барои онҳо худро аз шавҳар кардан хоҳед боздошт? Не,

духтаронам! Қисмати шумо барои ман бағоят ғамангез аст; дар асл,
дасти Худованд ба ман шикаст расондааст»+.
[14] Онҳо боз овози худро баланд карда, гиристанд. Ва Орфо
модаршӯи худро бӯсида, видоъ кард, вале Рут бо ӯ монд;
[15] Ва ӯ гуфт: «Инак, дағечат назди қавми худ ва назди худоёни худ
баргашт; ту низ аз паси дағечат баргард»+.
[16] Вале Рут гуфт: «Маро водор накун, ки туро тарк намоям ва аз
пеши ту баргардам, зеро ба ҳар ҷое ки ту биравӣ, хоҳам рафт, ва дар
ҳар ҷое ки ту иқомат кунӣ, иқомат хоҳам кард: қавми ту қавми ман
ва Худои ту Худои ман хоҳад буд;
[17] Дар ҳар ҷое ки ту бимирӣ, хоҳам мурд ва дар он ҷо дафн хоҳам
шуд. Бигзор Худованд дар ҳаққи ман чунин ва чунин кунад ва зиёда
аз он кунад, агар чизе ғайр аз марг маро аз ту ҷудо кунад!»+
[18] Чун ӯ дид, ки вай азми қавӣ дорад ҳамроҳи ӯ биравад, дигар ба
вай сухане нагуфт.
[19] Ва ҳар дуяшон равона шуданд, то даме ки ба Байт-Лаҳм
расиданд. Ва ҳангоме ки ба Байт-Лаҳм ворид шуданд, тамоми аҳли
шаҳр аз онҳо ба ҳаяҷон омаданд, ва занон гуфтанд: «Оё ин Ноомист?»
[20] Ба онҳо гуфт: «Маро Ноомӣ* нахонед, балки Марро* бихонед,
зеро ки Қодир талхии зиёде бар сарам овард:
[21] Ман пурганҷ рафта будам, ва Худованд маро тиҳидаст
баргардонд. Пас, чаро маро Ноомӣ мехонед, дар сурате ки Худованд
маро ба азобу уқубат гирифтор кардааст, ва Қодир бадбахтӣ бар
сарам овардааст?»
[22] Ва Ноомӣ чунин баргашт, ва келинаш — Рути мӯобия, ки аз
ноҳияи Мӯоб баргашта буд, ҳамроҳи ӯ буд; ва онҳо дар ибтидои
дарави ҷав ба Байт-Лаҳм ворид шуданд+.

## Рут хизмат мекунад.

2 1 Ноомӣ хешованде аз тарафи шавҳари худ дошт, ки марди
паҳлавони сарватдоре аз хонаводаи Элимелех буд, ва номаш —
Бӯаз+.
2 Ва Рути мӯобия ба Ноомӣ гуфт: «Мехоҳам ба киштзор равам ва аз
қафои касе ки дар назараш илтифот ёбам, хӯшачинӣ кунам». Ба вай
гуфт: «Бирав, духтарам».
3 Вай рафт ва ба киштзоре даромада, аз қафои даравгарон
хӯшачинӣ кард. Ва чунин тасодуф шуд, ки он қитъаи киштзор ба
Бӯаз, ки аз хонаводаи Элимелех буд, тааллуқ дошт.
4 Ва инак, Бӯаз аз Байт-Лаҳм омад ва ба даравгарон гуфт:
«Худованд бо шумо бод!» Ба ӯ гуфтанд: «Худованд туро баракат
диҳад!»+
5 Ва Бӯаз ба навкари худ, ки назди даравгарон гузошта буд, гуфт:
«Ин ҷавонзан аз они кист?»
6 Навкаре ки назди даравгарон буд, ҷавоб дода, гуфт: «Вай
ҷавонзани мӯобия аст, ки бо Ноомӣ аз ноҳияи Мӯоб баргаштааст;
7 Вай ба ман гуфт, ки „мехоҳам аз қафои даравгарон дар миёни
бандҳо хӯшаҳоро чида ҷамъ кунам“. Ва омада, аз худи саҳарӣ то
алҳол ба по истод; фақат акнун андаке дар хона нишастааст».
8 Ва Бӯаз ба Рут гуфт: «Бишнав, духтарам, барои хӯша чидан ба
киштзори дигар нагузар ва аз ин ҷо низ нарав, балки ҳамроҳи
канизони ман дар ин ҷо бош.
9 Бигзор чашмонат ба киштзоре бошад, ки медараванд, ва аз
қафояшон бирав. Ман ба навкарон амр фармудам, ки ба ту
дастдарозӣ накунанд. Ҳар гоҳ ташна монӣ, назди зарфҳо бирав ва аз
обе ки навкарон мекашанд, бинӯш».
10 Вай бар рӯи худ афтода, то ба замин таъзим кард ва ба ӯ гуфт:
«Чаро дар назарат илтифот ёфтаам, ки маро бишиносӣ, ва ҳол он ки
ман аҷнабизане ҳастам?»+
11 Бӯаз ба вай ҷавоб дода, гуфт: «Ҳар он чи ту пас аз вафоти
шавҳарат барои модаршӯи худ кардаӣ, ба ман ҳикоят карда шуд,
яъне ту падари худ ва модари худ ва замини зодгоҳи худро тарк
кардаӣ ва назди қавме омадаӣ, ки дирӯз ва парирӯз онро
намешинохтӣ.

[12] Бигзор Худованд аъмоли туро подош диҳад, ва музди ту аз
ҷониби Худованд Худои Исроил комил бошад, ки ту омадаӣ, то дар
таҳти болҳои Ӯ паноҳ барӣ!»+
[13] Вай гуфт: «Бигзор дар назари ту ман илтифот ёбам, оғои ман! Ту
маро тасаллӣ додӣ, ва бо суханонат дили канизи худро бардоштӣ,
агарчи ман сазовори он нестам, ки мисли яке аз канизони ту
бошам»+.
[14] Ва чун вақти хӯрок расид, Бӯаз ба вай гуфт: «Ин ҷо биё ва нон
бихӯр ва луқмаи худро дар сирко биғӯтон». Вай назди даравгарон
нишаст, ва ӯ хӯшаҳои бирьён ба вай дароз кард; вай хӯрда сер шуд, ва
боз боқӣ монд.
[15] Ва барои хӯша чидан бархост. Ва Бӯаз ба навкарони худ амр
фармуда, гуфт: «Бигзор вай дар миёни бандҳо низ бичинад, ва осебе
ба вай нарасонед;+
[16] Аз қучоқҳо низ барои вай бароварда партоед, то бичинад, ва
таънае бар вай назанед».
[17] То бегоҳӣ вай дар он киштзор хӯшачинӣ кард, ва он чи чида буд,
кӯфт, ва қариб як эфа* ҷав баромад;
[18] Онро бардошта, ба шаҳр омад, ва он чи чида буд, модаршӯяш
дид. Ва он чи пас аз сер шуданаш боқӣ монда буд, бароварда ба ӯ дод.
[19] Ва модаршӯяш ба вай гуфт: «Имрӯз дар куҷо чидӣ ва дар куҷо
кор кардӣ? Бигзор он валинеъмати ту баракат ёбад!» Вай ба
модаршӯяш аз касе ки наздаш кор карда буд, хабар дода, гуфт: «Номи
касе ки наздаш имрӯз кор кардам, Бӯаз аст».
[20] Ва Ноомӣ ба келини худ гуфт: «Бигзор ӯ баракат ёбад аз ҷониби
Худованд, ки эҳсони худро ба зиндагон ва мурдагон бас накардааст!»
Ва Ноомӣ ба вай гуфт: «Он мард ба мо наздик аст; ӯ аз
фидиягузорони* мост».
[21] Рути мӯобия гуфт: «Ӯ ҳатто ба ман гуфт, ки „ҳамроҳи канизони
ман бош, то вақте ки тамоми дарави маро ба итмом расонанд“».
[22] Ва Ноомӣ ба келини худ — Рут гуфт: «Хуб аст, духтарам, ки
ҳамроҳи канизони ӯ берун оӣ, ва дар киштзори дигар ба ту
дастдарозӣ накунанд».
[23] Вай ба канизони Бӯаз ҳамроҳ шуда, хӯшачинӣ кард, то вақте ки
дарави ҷав ва дарави гандум ба итмом расид; ва бо модаршӯи худ

иқомат дошт.

## Вохӯрӣ бо Бӯаз. Рут фароғат меёбад.

3 1 Ва модаршӯяш — Ноомӣ ба вай гуфт: «Эй духтарам, оё маро
лозим нест, ки бароят ҷои фароғат биҷӯям, то ки барои ту хуб
бошад?
2 Ва акнун, оё Бӯаз, ки ҳамроҳи канизони ӯ будӣ, хешованди мо
нест? Инак, ӯ имшаб дар хирмангоҳ ҷавро бод мекунад;
3 Ту ғусл бикун, ва равған бимол, ва пероҳани худро бипӯш, ва ба
хирмангоҳ фурӯд ой, лекин худро ба он мард нишон надеҳ, то вақте
ки хӯрдан ва нӯшиданашро тамом кунад.
4 Ва ҳангоме ки бихобад, ҷоеро, ки ӯ хобид, дар хотир бидор, ва
омада, пеши пойҳои ӯро бикушо ва бихоб. Ӯ ба ту хоҳад гуфт, ки чӣ
кор бояд бикунӣ».
5 Вай ба ӯ гуфт: «Ҳар он чи ба ман гуфтӣ, ба ҷо хоҳам овард».
6 Ва ба хирмангоҳ фурӯд омад, ва ҳар он чи модаршӯяш ба вай амр
фармуда буд, ба ҷо овард.
7 Бӯаз хӯрок хӯрд, ва нӯшид, ва дилшод шуд, ва дар канори хирман
омада хобид. Пас вай оҳистаяк омада, пеши пойҳои ӯро кушод ва
хобид.
8 Нисфи шаб он мард ба изтироб омад ва як қад парида хест, ва
инак, зане пеши пойҳои ӯ хобидааст;
9 Ва гуфт: «Ту кистӣ?» Гуфт: «Ман канизи ту — Рут ҳастам; боли
худро бар канизи худ паҳн намо, зеро ки ту фидиягузор ҳастӣ»+.
10 Гуфт: «Эй духтарам! Ту аз ҷониби Худованд баракат хоҳӣ ёфт,
зеро ки ин эҳсони охирини худро назар ба аввала хубтар ба ҷо
овардӣ, бе он ки аз қафои ҷавонони хоҳ бенаво ва хоҳ сарватдор
биравӣ.
11 Ва акнун, духтарам, натарс: ҳар он чи гуфтӣ, барои ту хоҳам
кард, зеро ки назди ҳар дарвоза қавми ман медонанд, ки ту зани
солеҳа ҳастӣ+.
12 Ва акнун, дуруст аст, ки ман фидиягузор ҳастам, валекин
фидиягузори аз ман наздиктаре низ ҳаст.
13 Имшаб дар ҳамин ҷо бимон, ва пагоҳӣ, агар ӯ барои ту фидия
диҳад, хуб мешавад, — бигзор фидия диҳад: ва агар ӯ нахоҳад, ки
барои ту фидия диҳад, қасам ба Худованд, ки ман барои ту фидия
хоҳам дод! То пагоҳӣ бихоб».

[14] Ва то субҳ пеши пойҳои ӯ хобид, ва пеш аз он ки касе бубинад,
бархост. Ва ӯ дар дили худ гуфт: «Зинҳор мардум нафаҳманд, ки ин
зан ба хирмангоҳ омада буд».
[15] Ва ба вай гуфт: «Сарандозеро, ки бар туст, гирифта, нигоҳ дор».
Вай онро нигоҳ дошт, ва ӯ шаш андоза ҷавро чен карда, бар китфи вай
гузошт, ва ба шаҳр равона шуд.
[16] Вақте ки вай назди модаршӯи худ омад, ӯ гуфт: «Корҳоят чӣ
тавр аст, духтарам?» Вай ҳар он чи он мард барояш кард, ба ӯ хабар
дод,
[17] Ва гуфт: «Ин шаш андоза ҷавро ба ман дода, гуфт, ки „назди
модаршӯи худ тиҳидаст нарав“».
[18] Гуфт: «Ором бинишин, духтарам, то бидонӣ, ки кор чӣ гуна
анҷом хоҳад ёфт; зеро ки он мард то ин корро имрӯз буд накунад,
сокит нахоҳад шуд».

## Рут сазовори мукофот гардид.

**4** 1 Бӯаз назди дарвоза омад, ва он ҷо нишаст. Ва инак, он
фидиягузор, ки Бӯаз дар бораи ӯ сухан ронда буд, гузашт. Гуфт:
«Эй фалону беҳмадон, баргашта, ин ҷо бинишин». Ӯ баргашта,
нишаст+.
2 Аз пирони шаҳр даҳ нафарро гирифта, ба онҳо гуфт: «Ин ҷо
бинишинед». Онҳо нишастанд.
3 Ба он фидиягузор гуфт: «Ноомӣ, ки аз ноҳияи Мӯоб баргаштааст,
қитъаи заминеро, ки аз они бародарамон Элимелех буд, мефурӯшад.
4 Ман салоҳ донистам, ки ба самъи ту расонда, бигӯям: онро ба
хузури нишастагон, яъне ба ҳузури ин пирони қавми ман бихар.
Агар фидия медиҳӣ — бидеҳ, ва агар фидия намедиҳӣ — ба ман
бигӯй, то бидонам, зеро ғайр аз ту касе нест, ки фидия диҳад; ва
навбати ман баъд аз туст». Ӯ гуфт: «Ман фидия хоҳам дод»+.
5 Бӯаз гуфт: «Дар рӯзе ки заминро аз дасти Ноомӣ бихарӣ, Рути
мӯобия — зани он марҳумро низ харида бошӣ, то ки номи он
марҳумро бар мероси ӯ барқарор намоӣ»+.
6 Он фидиягузор гуфт: «Наметавонам барои худ фидиягузор
бошам: мабодо мероси худро фосид намоям. Пас, фидиягузории
маро ту ба зиммаи худ гирифта, фидия бидеҳ, зеро ки наметавонам
фидиягузор бошам».
7 Дар замони қадим дар Исроил дар соҳаи фидия ва мубодила
барои тасдиқи ҳар муомила чунин таомуле буд, ки яке кафши худро
кашида ба дигаре медод, ва ин дар Исроил ҳуҷҷат ҳисоб меёфт+.
8 Ва он фидиягузор ба Бӯаз гуфт: «Барои худ бихар!» Ва кафши
худро кашида дод.
9 Ва Бӯаз ба пирон ва ба тамоми қавм гуфт: «Шумо имрӯз шоҳид
ҳастед, ки ҳар он чи аз они Элимелех буд ва ҳар он чи аз они Килйӯн
ва Маҳлӯн буд, аз дасти Ноомӣ харидам;
10 Ва низ Рути мӯобия — зани Маҳлӯнро барои худ ба занӣ
харидам, то ки номи он марҳумро бар мероси ӯ барқарор намоям, ва
номи он марҳум аз миёни бародаронаш ва аз дарвозаи иқоматгоҳаш
нест нашавад; шумо имрӯз шоҳид ҳастед»+.
11 Тамоми қавме ки назди дарвоза буданд, ва пирон низ гуфтанд:
«Шоҳид ҳастем! Бигзор Худованд занеро, ки ба хонаи ту медарояд,

мисли Роҳел ва Леё гардонад, ки ҳар дуи онҳо хонаи Исроилро бино
кардаанд; ва ту дар Эфрот комьёб шав ва дар Байт-Лаҳм ном барор+.
12 Ва бигзор хонаи ту мисли хонаи Форас бошад, — ки ӯро Томор
барои Яҳудо зоида буд, — аз он насле ки Худованд ба ту аз ин
ҷавонзан хоҳад бахшид»+.
13 Ва Бӯаз Рутро гирифт: вай зани ӯ шуд, ва ӯ назди вай даромад. Ва
Худованд ба вай ҳомилагӣ бахшид: вай писаре зоид+.
14 Ва занон ба Ноомӣ гуфтанд: «Муборак аст Худованд, ки туро
имрӯз аз фидиягузор маҳрум накард! Бигзор номи ӯ дар Исроил
пуршараф бошад!
15 Ӯ барои ту ҷонбахш ва асои пирии ту хоҳад буд, зеро келинат,
ки туро дӯст медорад ва бароят аз ҳафт писар хубтар аст, ӯро зоид»+.
16 Ва Ноомӣ он бачаро гирифта, дар оғӯш кашид, ва дояи ӯ шуд.
17 Занони ҳамсоя ӯро ном ниҳода, гуфтанд: «Барои Ноомӣ писаре
таваллуд шуд», ва ӯро Убид ном ниҳоданд. Ӯ падари Йисой падари
Довуд аст.

18 •Ин аст насаби Форас: Форас Ҳесрӯнро ба дуньё овард+.
19 Ва Ҳесрӯн Ромро ба дуньё овард, ва Ром Аминодобро ба дуньё
овард,
20 Ва Аминодоб Наҳшӯнро ба дуньё овард, ва Наҳшӯн Салмӯнро ба
дуньё овард,+
21 Ва Салмӯн Бӯазро ба дуньё овард, ва Бӯаз Убидро ба дуньё овард,
22 Ва Убид Йисойро ба дуньё овард, ва Йисой Довудро ба дуньё
овард.

---

* 1:20 Дилпазир.

* 1:20 Талхком.

* 2:17 **Эфа** андозаи ғалладона, ки ҳаҷмаш ба 40 литр баробар буд.

* 2:20 **Фидиягузорон** хешҳои наздик. Дар замони қадим касе агар мурда, фарзанде аз ӯ намемонд, яке аз ин хешҳои наздикаш қитъаи

замини ӯро фидия дода мехарид ва дар айни замон зани ӯро ба никоҳи худ медаровард, то ки аз вай фарзанде ба дунъё оварда, номи он марҳумро зинда кунад.

---

+ 1:1 Дов. 2:16

+ 1:13 Айюб 19:21

+ 1:15 Ад. 21:29

+ 1:17 2 Подш. 15:21, 1 Подш. 3:17, 1 Подш. 25:22, 2 Подш. 19:13, 3 Подш. 2:23

+ 1:22 2 Подш. 21:9

+ 2:1 Иб. 19:9, Так. Шар. 24:19

+ 2:4 Заб. 128:8

+ 2:10 1 Подш. 25:23

+ 2:12 Заб. 16:8, 1 Подш. 24:20

+ 2:13 1 Подш. 1:18

+ 2:15 Иб. 19:10, Иб. 23:22, Так. Шар. 24:19

+ 3:9 Ҳиз. 16:8

+ 3:11 Мас. 31:10

+ 4:1 2 Подш. 15:2, 2 Подш. 18:4, 2 Подш. 19:8

+ 4:4 Иб. 25:25, Ад. 27:11, Ирм. 35:4

+ 4:5 Так. Шар. 25:5

+ 4:7 Так. Шар. 25:9

+ 4:10 Так. Шар. 25:6

+ 4:11 Ҳас. 29:31, Рут 1:2

+ 4:12 Ҳас. 38:27-29, 1 Вақ. 2:4-12

+ 4:13 Ҳас. 29:31

+ 4:15 1 Подш. 1:8

● 4:18 *1 Вақ. 2:4-15, Мат. 1:3-6*

+ 4:18 Ҳас. 38:29

+ 4:20 Ад. 1:7

*КИТОБИ*

# ЯКУМИ ПОДШОҲОН


| | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 | 7 | 8 | 9 | 10 |
| 11 | 12 | 13 | 14 | 15 | 16 | 17 | 18 | 19 | 20 |
| 21 | 22 | 23 | 24 | 25 | 26 | 27 | 28 | 29 | 30 |
| 31 | | | | | | | | | |

## Модари Самуил.

**1** 1 Ва марде аз Ромотаим-Сӯфим, аз кӯҳи Эфроим буд; ва номаш
Элқоно ибни Ерӯҳом, ибни Элиҳу, ибни Тӯҳу, ибни Суф буд, — ва ӯ
эфротӣ буд.
2 Ва ӯ ду зан дошт: номи яке Ҳанно ва номи дигаре Фанинно буд:
ва Фанинно бача дошт, вале Ҳанно бача надошт.
3 Ва он мард ҳар сол аз шаҳри худ мерафт, то ки Худованди
лашкарҳоро дар Шилӯ ибодат намояд ва барои Ӯ курбонӣ кунад; ва
дар он чо ду писари Элӣ, Ҳофнӣ ва Финҳос, коҳинони Худованд
буданд+.
4 Ва дар он рӯзе ки Элқоно қурбонӣ мекард, ба зани худ Фанинно
ва ба ҳамаи писарон ва духтарони вай ҳиссаҳо медод;+
5 Валекин ба Ҳанно ҳиссаи дучанд медод, зеро ки Ҳанноро дӯст
медошт, агарчи Худованд батни варо баста буд.
6 Ва паланҷаш варо сахт ранҷонида, бисьёр ба хашм меовард,
барои он ки Худованд батнашро баста буд.
7 Ва ин тавр сол ба сол воқеъ мешуд: ҳар боре ки вай ба хонаи
Худованд меомад, паланҷаш чунон варо меранҷонид, ки вай гирья
мекард ва чизе намехӯрд.
8 Ва шавҳараш Элқоно ба вай мегуфт: «Эй Ҳанно! Чаро гирья
мекунӣ, ва чаро чизе намехӯрӣ, ва чаро дилат маҳзун аст? Ман, охир,
барои ту аз даҳ писар беҳтар ҳастам»+.
9 Ва Ҳанно, баъд аз хӯрдан ва нӯшидан дар Шилӯ, бархост; ва Элии
коҳин назди паҳлударии маъбади Худованд бар курсӣ нишаста буд+.
10 Ва вай бо сӯзи дил сӯи Худованд дуо мегуфт ва зор-зор
мегирист.
11 Ва назр намуда, гуфт: «Эй Худованди лашкарҳо! Агар ба азияти
канизи Худ назар андозӣ, ва маро ба ёд оварӣ, ва канизи Худро
фаромӯш накунӣ, ва фарзанди наринае ба канизи Худ ато фармоӣ,
ман ӯро тамоми айёми умраш ба Худованд хоҳам дод, ва поку ба
сари ӯ нахоҳад расид»+.
12 Ва азбаски дуои вай ба ҳузури Худованд тӯл кашид, Элӣ ба
даҳони вай назар дӯхт.
13 Ва Ҳанно дар дили худ сухан мегуфт: лабҳояш фақат меҷунбид,
вале овозаш шунида намешуд; бинобар ин Элӣ гумон кард, ки вай

маст аст.
14 Ва Элӣ ба вай гуфт: «То ба кай маст мешавӣ? Шаробро аз худ дур
кун».
15 Вале Ҳанно ҷавоб гардонида, гуфт: «Не, оғоям; ман зани
дилшикастае ҳастам, ва шаробу арақ наменӯшам, балки дили худро
ба ҳузури Худованд холӣ кардам.
16 Канизи худро зани нобакоре ҳисоб накун; зеро ки аз бисьёрии
андӯҳ ва кулфати худ то ҳол сухан рондаам».
17 Ва Элӣ ҷавоб гардонида, гуфт: «Ба саломатӣ бирав, ва Худои
Исроил хоҳиши туро, ки аз Ӯ илтимос кардаӣ, ба амал хоҳад овард».
18 Ва вай гуфт: «Кошки канизи ту дар назарат илтифот ёбад!» Ва
зан ба роҳи худ рафт; ва хӯрок мехӯрд, ва чеҳрааш дигар ғамгин
набуд+.
19 Ва онҳо бомдодон бармаҳал бархоста, ба ҳузури Худованд
ибодат карданд, ва баргашта, ба хонаи худ ба Ромо омаданд; ва
Элқоно бо зани худ Ҳанно хобид, ва Худованд варо ба ёд овард.

## Таваллуди Самуил.

20 Ва баъд аз муддате Ҳанно ҳомила гардида, писаре зоид, ва номи
ӯро Самуил хонд, зеро ки ӯро аз Худо талабидаам, гуфт вай.
21 Ва шавҳараш Элқоно бо тамоми аҳли байташ рафт, то ки
қурбонии солона ва назри худро барои Худованд тақдим намояд.
22 Вале Ҳанно нарафт, зеро ки ба шавҳараш гуфта буд: «Вақте ки
писар аз сина ҷудо шавад, ӯро хоҳам бурд, ва ӯ назди Худованд ҳозир
шуда, дар он ҷо ба таври доимӣ хоҳад монд».
23 Ва шавҳараш Элқоно ба вай гуфт: «Он чи дар назарат писанд ояд,
бикун; то вақте ки ӯро аз сина ҷудо кунӣ, бимон; кошки Худованд
суханашро ба амал оварад!» Ва зан монд, ва писарашро маконид, то
вақте ки ӯро аз сина ҷудо кард.

## Ҳанно Самуилро назди Элӣ меоварад.

24 Ва ҳангоме ки ӯро аз сина ҷудо кард, як наргови сесола, як эфа
орд ва як машк шароб гирифта, бо ӯ баромад, ва ӯро ба хонаи
Худованд ба Шилӯ овард; ва писар ҳанӯз хурд буд.
25 Ва нарговро куштанд, ва писарро назди Элӣ оварданд.

26 Ва Ҳанно гуфт: «Лутфан, эй оғоям! Ба ҳаётат қасам мехӯрам, эй оғоям! Ман ҳамон зан ҳастам, ки дар ин ҷо назди ту истода, сӯи Худованд дуо гуфта будам.
27 Барои ҳамин писар дуо гуфта будам, ва Худованд хоҳиши маро, ки аз Ӯ илтимос карда будам, ба ман ато фармуд.
28 Ва ман ӯро барои Худованд вақф намудам: ӯ тамоми айёми умри худ вақф барои Худованд хоҳад буд». Ва дар он чо Худовандро ибодат карданд.

## Дуои пайғамбаронаи Ҳанно.

2 [1] Ва Ҳанно дуо хонда, гуфт:
«Дили ман дар Худованд хурсанд шудааст,
шохи ман дар Худованд баланд шудааст;
даҳони ман бар душманонам яла шудааст,
зеро ки аз наҷоти Ту шод ҳастам+.
[2] Қуддусе мисли Худованд нест,
зеро ки дигаре ғайр аз Ту нест;
ва сахрае мисли Худои мо нест+.
[3] Суханони ҳавобаландонаро афзун накунед;
нутқи густохона аз даҳонат набарояд;
зеро ки Худованд Худои ҳамадон аст,
ва тамоми аъмол назди Ӯ санҷида мешавад.
[4] Камони зӯроварон ба шикаст дучор меояд,
вале камари бемаҷолон қувват меёбад+.
[5] Серон барои як лаб нон муздур мешаванд,
вале гуруснагон фароғат меёбанд;
ҳатто зани нозой ҳафт бача мезояд,
вале зани серфарзанд мубтало мешавад+.
[6] Худованд мемиронад ва зиндагӣ мебахшад;
ба қабр фурӯд меоварад ва бармехезонад+.
[7] Худованд бенаво месозад ва сарватдор мегардонад;
ба залолат меафтонад ва баланд мебардорад+.
[8] Бенавоёнро аз хок бармехезонад,
мискинро аз даруни ахлот мебардорад,
то ки бо мирон ҳамнишин созад,
ва кур сии ҷалолро насибашон гардонад;
зеро ки аркони замин аз они Худованд аст,
ва ҷаҳонро ӯ бар онҳо устувор намудааст+.
[9] Қадамҳои муқаддасони Худро нигаҳдорӣ мекунад,
ва шарирон дар зулмот маҳв мешаванд;
зеро ки одамизод бо қувваташ зӯр намебарояд+.
[10] Онҳое ки ба Худованд зиддият нишон медиҳанд,
несту нобуд мешаванд:
бар онҳо Ӯ аз осмон раъду барқ мефиристад.

Худованд ақсои заминро доварӣ менамояд,
ва ба подшоҳи Худ қувват мебахшад,
ва шохи масеҳи Худро баланд мебардорад»+.
11 Ва Элқоно ба хонаи худ ба Ромо рафт; ва он амрад назди Элии
коҳин хизматгузори Худованд буд.

## Писарони Элӣ.

12 Валекин писарони Элӣ шахсони нобакор буданд: Худовандро
намешинохтанд+.
13 Ва рафтори ин коҳинон нисбат ба қавм чунин буд: чун касе
куробнӣ мекард, хизматгузори коҳин дар вақти пухтани гӯшти он
меомад, дар ҳолате ки сихи сешохае дар дасташ буд;
14 Ва онро ба лаган, ё дег, ё тос фурӯ мефиристод, ва ҳар чиро, ки
он сих мебаровард, коҳин барои худ мегирифт. Бо ҳамаи исроилиёне
ки ба он ҷо, ба Шилӯ меомаданд, онҳо ҳамин тавр рафтор мекарданд.
15 Валекин пеш аз сӯзонидани чарбу, хизматгузори коҳин омада,
ба касе ки қурбонӣ кардааст, мегуфт: «Гӯшт барои кабоби коҳин
бидеҳ; ӯ аз ту гӯшти пухта намегирад, балки фақат гӯшти хом».
16 Ва агар он шахс ба вай мегуфт: «Аввал чарбуро бисӯзонанд, ва он
гоҳ ҳар чи дилат хоҳад, барои худ бигир», — вай мегуфт: «Не, худи
ҳозир бидеҳ, вагар на, бо зӯрӣ мегирам»+.
17 Ва гуноҳи он ҷавонон ба ҳузури Худованд бағоят азим буд, зеро
ки ин одамон қурбонии Худовандро хор медоштанд.

## Самуили амрад дар хизмати хайма.

18 Ва Самуили амрад ба ҳузури Худованд хизматгузорӣ мекард,
дар ҳолате ки эфӯди катон дар бар дошт.
19 Ва ҷомаи хурде модараш барои ӯ дӯхта, сол ба сол ба ӯ меовард,
вақте ки вай бо шавҳари худ меомад, то ки қурбонии солонаро
тақдим намояд.
20 Ва Элӣ Элқоно ва зани ӯро баракат дода, гуфт: «Бигзор Худованд
ба ту аз ин зан дар ивази вақфе ки барои Худованд додаӣ, насл ато
фармояд!» Ва онҳо ба макони худ рафтанд.
21 Ҳақиқатан Худованд Ҳанноро тафаққуд намуд, ва ӯ ҳомила
шуда, се писар ва ду духтар зоид; ва Самуили амрад ба ҳузури
Худованд калон мешуд+.

22 Ва Элӣ бағоят пир шуда буд; ва ҳар амалеро, ки писаронаш дар
ҳаққи тамоми Исроил мекарданд, мешунид, ва онро низ, ки чӣ гуна
онҳо бо заноне ки назди даромадгоҳи хаймаи ҷомеъ ҷамъ мешуданд,
хуфтухоб менамуданд+.
23 Ва ба онҳо гуфт: «Чаро шумо чунин амал мекунед? Ман, охир,
ин аъмоли бади шуморо аз тамоми қавм мешунавам.
24 Чунин амал накунед, эй писаронам! Зеро овозае ки ман
мешунавам, хуб нест: шумо боиси маъсияти қавми Худованд
мегардед.
25 Агар касе бар зидди касе гуноҳ кунад, ӯро Худованд доварӣ
менамояд, вале агар касе бар зидди Худованд гуноҳ кунад, кист, ки
барои вай шафоат намояд?» Вале онҳо ба овози падарашон гӯш
надоданд, зеро Худованд қарор дода буд, ки онҳо бимиранд+.
26 Валекин Самуили амрад торафт калон шуда, ҳам дар назари
Худованд ва ҳам дар назари мардум илтифот меёфт+.

## Огоҳӣ ёфтани Элӣ.

27 Ва марди Худо назди Элӣ омада, ба ӯ гуфт: «Худованд чунин
мегӯяд: „Оё Ман бар хонадони падарат, вақте ки онҳо дар Миср, дар
хонаи фиръавн буданд, Худро зоҳир насохтам+?
28 Ва оё ӯро аз ҳамаи сибтҳои Исроил барои Худ ба коҳинӣ
интихоб нанамудам, то ки бар қурбонгоҳи Ман баромада, бухур
бисӯзонад ва ба ҳузури Ман эфӯд бипӯшад? Ва оё ҳамаи ҳадияҳоро аз
қурбониҳои сӯхтании банӣ-Исроил ба хонадони падарат
набахшидам+?
29 Чаро шумо қурбониҳо ва ҳадияҳои ордии Маро, ки барои
маскани Худ амр фармудаам, поймол мекунед? Ва чаро ту писарони
худро назар ба Ман бештар мӯҳтарам медорӣ, то ки худро аз қисми
беҳтарини ҳамаи ҳадияҳои қавми Ман — Исроил фарбеҳ гардонӣ?“
30 Бинобар ин Худованд, Худои Исроил, чунин мегӯяд: „Ман гуфта
будам, ки хонадони ту ва хонадони падарат ба ҳузури Ман то абад
роҳ хоҳанд рафт. Вале алҳол, мегӯяд Худованд, ҳошо ки Ман инро
раво бинам, зеро ки Ман эҳтиромкунандагони Худро эҳтиром хоҳам
кард, валекин залилкунандагони Ман расво хоҳанд шуд+.
31 Инак, айёме фаро мерасад, ки Ман бозуи ту ва бозуи хонадони
падаратро қатъ хоҳам кард, ба тавре ки пире дар хонадони ту

нахоҳад буд+.
32 Ва ту рақибро дар маскани Ман хоҳӣ дид, дар ҳар кори неке ки
вай барои Исроил бикунад; ва пире дар хонадони ту ҳаргиз нахоҳад
буд.
33 Ва аҳли байти туро аз қурбонгоҳи Худ тамоман нахоҳам дур
кард, ки ин барои коҳонидани чашмони ту ва ранҷонидани ҷони ту
бошад; вале тамоми насли ту ҷавонмарг хоҳанд шуд.
34 Ва он чи ба ду писарат, ба Ҳофнӣ ва Финҳос, рӯй медиҳад,
аломате барои ту хоҳад буд: ҳар дуи онҳо дар як рӯз хоҳанд мурд+.
35 Ва коҳини аминеро барои Худ таъин хоҳам намуд, ки вай
мувофиқи дили Ман ва мувофиқи ҷони Ман амал хоҳад кард; ва
барои вай хонадони амине барпо хоҳам намуд, ки он ба ҳузури
масеҳи Ман ҳамеша роҳ хоҳад рафт+.
36 Ва тавре воқеъ хоҳад шуд, ки ҳар касе ки аз хонадони ту боқӣ
монда бошад, омада, барои як фулуси нуқра ва як порча нон пеши
вай саҷда барад ва бигӯяд: лутфан, маро ба ягон вазифаи каҳонат
таъин намо, то ки як лаб нон бихӯрам“».

## Самуил коҳин ва набӣ шуд.

3 1 Ва Самуили амрад пеши Элӣ хизматгузори Худованд буд; ва
каломи Худованд дар он айём камьёфт буд, ва рӯъё ҳанӯз маъмул
набуд+.
2 Ва рӯзе аз рӯзҳо чунин воқеъ шуд, ки Элӣ дар ҷояш хобида буд;
ва чашмонаш хира гардида буд, ба тавре ки ӯ наметавонист бубинад.
3 Ва чароғи Худо ҳанӯз хомӯш нашуда буд; ва Самуил дар маъбади
Худованд мехобид, ки дар он ҷо сандуқи Худо буд.
4 Ва Худованд Самуилро хонд, ва ӯ гуфт: «Лаббай!»
5 Ва шитобон сӯи Элӣ рафта, гуфт: «Лаббай! Ту маро хондӣ». Вале
вай гуфт: «Ман туро нахондаам; баргашта, бихоб». Ва ӯ рафта, хобид.
6 Валекин Худованд бори дигар хонд: «Эй Самуил!» Ва Самуил
бархоста, назди Элӣ рафт, ва гуфт: «Лаббай! Ту маро хондӣ». Вале вай
гуфт: «Ман туро нахондаам, писарам; баргашта, бихоб».
7 Ва Самуил Худовандро ҳанӯз намешинохт, ва каломи Худованд
ҳанӯз бар ӯ зоҳир нашуда буд.
8 Ва Худованд бори сеюм Самуилро хонд; ва ӯ бархоста, назди Элӣ
рафт, ва гуфт: «Лаббай! Ту маро хондӣ». Ва Элӣ фаҳмид, ки Худованд
амрадро хондааст.
9 Ва Элӣ ба Самуил гуфт: «Рафта, бихоб, ва ҳангоме ки туро
бихонад, бигӯй: „Эй Худованд, бигӯй, зеро ки бандаат мешунавад“».
Ва Самуил рафта, дар ҷояш хобид.
10 Ва Худованд омада, биистод ва, мисли дафъаҳои пеш, хонд: «Эй
Самуил, Самуил!» Ва Самуил гуфт: «Бигӯй, зеро ки бандаат
мешунавад».
11 Ва Худованд ба Самуил гуфт: «Инак, Ман коре дар Исроил
мекунам, ва ҳар касе ки дар бораи он бишнавад, хар ду гӯшаш садо
хоҳад дод+.
12 Дар он рӯз Ман бар Элӣ ҳар он чиро, ки дар бораи хонадонаш
гуфтаам, иҷро хоҳам кард; ба ин кор шурӯъ намуда, онро ба анҷом
хоҳам расонид.
13 Ва Ман ба ӯ хабар дода будам, ки хонадони ӯро ба сурати абадӣ
доварӣ хоҳам намуд, барои он гуноҳи ӯ, ки ӯ медонист, ки
писаронаш бар худ лаънат меоваранд, вале ӯ онҳоро ҷилавгирӣ
накард.

[14] Бинобар ин Ман дар ҳаққи хонадони Элӣ қасам хӯрдаам, ки
гуноҳи хонадони Элӣ бо қурбонӣ ва ҳадия то абад кафорат нахоҳад
шуд».
[15] Ва Самуил то субҳ хобид, ва дарҳои хонаи Худовандро воз кард;
ва Самуил тарсид, ки ин рӯъёро ба Элӣ хабар диҳад.
[16] Вале Элӣ Самуилро хонда, гуфт: «Эй писарам Самуил!» Ӯ гуфт:
«Лаббай!».
[17] Ва гуфт: «Чӣ суханест, ки ба ту гуфтааст? Лутфан, аз ман пинҳон
надор! Худо ба ту чунин ва зиёда аз ин бикунад, агар аз ҳар чизе ки
ба ту гуфтааст, чизеро аз ман пинҳон дорӣ»+.
[18] Ва Самуил ҳамаи суханонро ба ӯ баён намуд, ва аз ӯ пинҳон
надошт. Ва ӯ гуфт: «Ӯ Худованд аст, ва он чи дар назараш писанд ояд,
ба амал хоҳад овард»+.
[19] Ва Самуил калон мешуд; ва Худованд бо ӯ буд, ва аз ҳамаи
суханонаш чизе зоеъ намерафт+.
[20] Ва тамоми Исроил, аз Дон то Беэр-Шобаъ, донистанд, ки
Худованд Самуилро набии амини Худ ёфтааст+.
[21] Ва Худованд боз дар Шилӯ зоҳир шудан гирифт, чунон ки
Худованд дар Шилӯ бо каломи Худованд бар Самуил зоҳир шуд.

## Фалиштиён сандуқи Худоро забт менамоянд.

4 [1] Ва каломи Самуил ба тамоми Исроил расид. Ва Исроил ба
муқобили фалиштиён ба ҷанг баромаданд, ва назди Эбен-Эзер
ӯрду заданд; ва фалиштиён дар Афеқ ҷойгир шуданд.
[2] Ва фалиштиён ба муқобили Исроил саф кашиданд, ва ҳарбу зарб
ба амал омад, ва исроилиён аз фалиштиён шикаст хӯрданд, ки онҳо
дар майдони корзор тақрибан чор ҳазор нафарро куштанд.
[3] Ва қавм ба ӯрдугоҳ омаданд; ва пирони Исроил гуфтанд: «Чаро
Худованд имрӯз моро пеши фалиштиён шикаст дод? Пас, сандуқи
аҳди Худовандро назди худ биёрем, ва он андаруни мо дохил шуда,
моро аз дасти душманонамон наҷот хоҳад дод»+.
[4] Ва қавм ба Шилӯ фиристоданд, ва сандуқи аҳди Худованди
лашкарҳоро, ки дар миёни каррубиён сокин аст, аз он ҷо бардошта
оварданд; ва ду писари Элӣ — Ҳофнӣ ва Финҳос — дар он ҷо бо
сандуқи аҳди Худо буданд+.
[5] Ва ҳангоме ки сандуқи аҳди Худо ба ӯрдугоҳ дохил шуд, тамоми
Исроил бо овози баланд бонг заданд, ва замин ба ларза омад.
[6] Ва фалиштиён садои бонгро шунида, гуфтанд: «Ин садои бонги
азим дар ӯрдугоҳи ибриён чист?» Ва фаҳмиданд, ки сандуқи
Худованд ба ӯрдугоҳ дохил шудааст.
[7] Ва фалиштиён тарсиданд, зеро ки гуфтанд: «Худо ба ӯрдугоҳ
дохил шудааст». Ва гуфтанд: «Вой ба ҳоли мо! Зеро ки чунин чиз на
дирӯз ва на парирӯз воқеъ нашудааст.
[8] Вой ба ҳоли мо! Кист, ки моро аз дасти ин Худои пуриқтидор
халосӣ диҳад? Ин ҳамон Худоест, ки мисриёнро дар биёбон ба ҳар
гуна балоҳо гирифтор кардааст.
[9] Қавӣ бошед ва мардвор рафтор кунед, эй фалиштиён! Мабодо ба
ибриён бандагӣ кунед, чунон ки онҳо ба шумо бандагӣ мекарданд!
Мардвор рафтор намуда, ҳарбу зарб кунед!»+
[10] Ва фалиштиён ҳарбу зарб карданд, ва исроилиён шикаст хӯрда,
ҳар яке ба хаймаи худ гурехтанд; ва шикасти онҳо бағоят азим буд,
ва аз исроилиён сӣ ҳазор сарбози пиёда кушта шуданд.
[11] Ва сандуқи Худо забт карда шуд; ва ду писари Элӣ — Ҳофнӣ ва
Финҳос — талаф шуданд+.

12 Ва як марди биньёминӣ аз майдони корзор давида, дар ҳамон
рӯз ба Шилӯ омад, дар ҳолате ки либосаш дарида ва хок ба сараш
пошида буд+.
13 Ва ҳангоме ки ӯ омад, инак Элӣ дар сари роҳ бар курсӣ,
мунтазири хабаре нишаста буд, зеро ки дилаш барои сандуқи Худо
музтариб буд; ва он мард ба шаҳр дохил шуда, хабар дод, ва тамоми
аҳли шаҳр доду фарьёд бардоштанд.
14 Ва Элӣ доду фарьёдро шунида, гуфт: «Ин садои ғулғула чист?»
Ва он мард шитобон омада, ба Элӣ хабар дод.
15 Ва Элӣ наваду ҳаштсола буд; ва чашмонаш кӯр шуда буд, ва ӯ
наметавонист бубинад+.
16 Ва он мард ба Элӣ гуфт: «Ман аз майдони корзор омадам, ва ман
имрӯз аз майдони корзор гурехтаам». Ва ӯ гуфт: «Пас, чӣ воқеа рӯй
додааст, писарам?»
17 Ва он хабаррасон ҷавоб гардонида, гуфт: «Исроил аз пеши
фалиштиён гурехтанд, ва низ торумори азиме дар миёни қавм ба
вуқӯъ омад, ва низ ду писарат — Ҳофнӣ ва Финҳос — талаф шуданд,
ва сандуқи Худо забт карда шуд».
18 Ва ҳамин ки вай сандуқи Худоро зикр кард, ӯ аз болои курсӣ
назди дарвоза пуштнокӣ афтод, ва гарданаш шикаста, мурд, зеро ки
марди пир ва гарон буд; ва ӯ чил сол бар Исроил доварӣ намуд.
19 Ва келини ӯ, зани Финҳос, ки ҳомила ва моҳу рӯзаш пур буд, чун
хабари забти сандуқи Худо ва мавти падаршӯ ва шавҳари худро
шунид, ба зону чӯкида, зоид, зеро ки баногоҳ дард ёд кард.
20 Ва дар вақти мурданаш заноне ки назди вай истода буданд,
гуфтанд: «Натарс, зеро ки писар зоидӣ». Вале вай ҷавоб нагардонид
ва диққат надод+.
21 Ва писарро Ихобӯд* ном монда, гуфт: «Шараф Исроилро тарк
кард!» Чунки сандуқи Худо забт гардида, падаршӯву шавҳари вай
талаф шуда буданд.
22 Ва гуфт: «Шараф Исроилро тарк кард, зеро ки сандуқи Худо забт
гардид»+.

## Сандуқ бар фалиштиён лаънати Худоро меоварад.

5 [1] Ва фалиштиён сандуқи Худоро забт намуда, аз Эбен-Эзер ба
Ашдӯд оварданд+.
[2] Ва фалиштиён сандуқи Худоро гирифтанд, ва онро ба хонаи
Доҷӯн оварданд; ва онро назди Доҷӯн гузоштанд+.
[3] Ва фардои он ашдӯдиён бармаҳал бархостанд, ва инак, Доҷӯн
пеши сандуқи Худованд рӯ ба замин ғалтидааст; ва онҳо Доҷӯнро
бардоштанд, ва онро аз нав дар ҷояш гузоштанд+.
[4] Ва фардои он бомдодон онҳо бармаҳал бархостанд, ва инак,
Доҷӯн пеши сандуқи Худованд рӯ ба замин ғалтидааст; ва каллаи
Доҷӯн ва ду кафи дасташ қатъ гардида, бар остона хобидааст; фақат
тани Доҷӯн дар ҷояш мондааст+.
[5] Бинобар ин коҳинони Доҷӯн, ва ҳамаи онҳое ки ба хонаи Доҷӯн
меоянд, то имрӯз бар остонаи Доҷӯн дар Ашдӯд пой намемонанд+.
[6] Ва дасти Худованд бар ашдӯдиён гарон омад, ва Ӯ ҳоли онҳоро
табоҳ намуда, дар Ашдӯд ва навоҳии он ба обилаҳо гирифтор кард.
[7] Ва чун мардуми Ашдӯд диданд, ки аҳвол чунин аст, гуфтанд:
«Сандуқи Худои Исроил бо мо нахоҳад монд, зеро ки дасти Ӯ бар мо
ва бар худои мо Доҷӯн гарон омад».
[8] Ва фиристода, ҳамаи сарварони фалиштиёнро назди худ ҷамъ
карда, гуфтанд: «Бо сандуқи Худои Исроил чӣ кунем?» Ва гуфтанд:
«Бигзор сандуқи Худои Исроил ба Ҷат гузаронида шавад». Ва сандуқи
Худои Исроилро гузарониданд.
[9] Ва чунин воқеъ шуд, ки баъд аз гузаронидани он, дасти Худованд
дар ин шаҳр боиси даҳшати бузурге гардид, ва мардуми шаҳрро аз
хурд то калон зарба зад, ва бар танашон обилаҳо пайдо шуд.
[10] Ва сандуқи Худоро ба Эқрӯн фиристоданд, ва ҳангоме ки
сандуқи Худо ба Эқрӯн расид, эқрӯниён фарьёд зада, гуфтанд:
«Сандуқи Худои Исроилро назди мо гузаронидаанд, то ки мо ва
қавми моро бикушанд!»
[11] Ва фиристода, ҳамаи сарварони фалиштиёнро ҷамъ карда,
гуфтанд: «Сандуқи Худои Исроилро равона кунед, то ки он ба макони
худ баргардад, ва мо ва қавми моро накушад». Зеро ки дар тамоми
шаҳр даҳшати ҳалокатоваре ҳукмфармо буд: дасти Худованд дар он
ҷо бағоят гарон омада буд.

[12] Ва касоне ки намурда буданд, ба обилаҳо гирифтор гардиданд,
ва истиғосаи аҳли шаҳр то ба осмон баланд шуд.

## Сандуқ ба хонаи Еҳушаи байтшемешӣ меояд.

6 [1] Ва сандуқи Худованд дар замини фалиштиён ҳафт моҳ монд.
[2] Ва фалиштиён коҳинон ва ҷодугаронро даъват намуда,
гуфтанд: «Бо сандуқи Худованд чӣ кунем? Ба мо бигӯед, ки онро ба
маконаш чӣ гуна равона намоем?»
[3] Онҳо гуфтанд: «Агар сандуқи Худои Исроилро равона мекарда
бошед, онро холӣ равона накунед, балки қурбонии ҷурм барои Ӯ
биёред; он гоҳ шифо хоҳед ёфт ва хоҳед донист, ки чаро дасти Ӯ аз
шумо дур нашудааст»+.
[4] Гуфтанд: «Чӣ гуна қурбонии ҷурм мо бояд барои Ӯ биёрем?»
Онҳо гуфтанд: «Мувофиқи шумораи сарварони фалиштиён, панҷ
обилаи тилло ва панҷ муши тилло биёред, зеро ки бар ҳамаи шумо
ва бар сарварони шумо ҳамон як вабост.
[5] Пас, суратҳои обилаҳои худ ва суратҳои мушҳои худро, ки
заминро валангор мекунанд, бисозед, ва Худои Исроилро ҷалол
диҳед; шояд Ӯ дасти Худро бар шумо ва бар худоёни шумо ва бар
замини шумо нарм созад.
[6] Чаро шумо дили худро сахт мекунед, чунон ки мисриён ва
фиръавн дили худро сахт карданд? Охир, вақте ки Ӯ онҳоро ба
балоҳо гирифтор кард, маҷбур шуда онҳоро ҷавоб доданд, ва онҳо
рафтанд+.
[7] Ва алҳол зуд аробаи наве бисозед, ва ду модагови навзойро, ки
юғ бар гарданашон монда нашуда бошад, бигиред, ва он модаговҳоро
ба ароба бибандед, ва гӯсолаҳошонро аз онҳо ҷудо карда, ба хона
баред+.
[8] Ва сандуқи Худовандро гирифта, бар ароба бимонед, ва колои
тиллоро, ки ҳамчун қурбонии ҷурм барои Ӯ овардед, дар қуттие ба
паҳлуи он бигузоред, ва онро равона кунед, то ки биравад.
[9] Ва нигоҳ кунед: агар он бо роҳи ҳудуди худ сӯи Байт-Шемеш
равона шавад, бидонед, ки он ин балои азимро ба сари мо овардааст;
вагар на, хоҳем донист, ки дасти Ӯ моро зарба назадааст, балки он чи
ба мо рӯй дод, тасодуфӣ будааст».
[10] Ва он мардум чунин карданд: ду модагови навзойро гирифта, ба
ароба бастанд, ва гӯсолаҳошонро дар хона нигоҳ доштанд.

11 Ва сандуқи Худоро бо қуттии мушҳои тилло ва суратҳои
обилаҳо бар ароба гузоштанд.
12 Ва модаговҳо рост, бо роҳи Байт-Шемеш равона шуданд, бо
ҳамин як роҳ мерафтанду моъ мезаданд, вале ба тарафи рост ё чап
майл намекарданд; ва сарварони фалиштиён аз ақиби онҳо то
ҳудуди Байт-Шемеш рафтанд.
13 Ва аҳли Байт-Шемеш дар водӣ гандум дарав мекарданд, ва
чашмони худро баланд карда, сандуқро диданд, ва аз диданаш шод
гаштанд.
14 Ва ароба ба киштзори Еҳушаи байтшемешӣ расида бозистод, ва
дар он ҷо санги калоне буд; ва чуоҳои аробаро шикастанд, ва
модаговҳоро қурбонии сӯхтанӣ барои Худованд баровularданд.
15 Ва левизодагон сандуқи Худованд ва қуттиеро, ки бо он буда,
андарунаш колои тилло буд, фурӯд оварданд, ва бар санги калон
гузоштанд; ва мардуми Байт-Шемеш дар он рӯз барои Худованд
қурбониҳои сӯхтанӣ баровularданд ва қурбониҳои саломатӣ забҳ
карданд.
16 Ва панҷ сарвари фалиштиён инро диданд, ва ҳамон рӯз ба Эқрӯн
баргаштанд.
17 Ва ин аст обилаҳои тилло, ки фалиштиён ҳамчун қурбонии
ҷурм барои Худованд оварда буданд: барои Ашдӯд якто, барои Ғазза
якто, барои Ашқалӯн якто, барои Ҷат якто, барои Эқрӯн якто+.
18 Ва мушҳои тилло мувофиқи шумораи ҳамаи шаҳрҳои
фалиштиён, ки ба он панҷ сарвар тааллуқ доштанд, буд, чи аз
шаҳрҳои ҳисордор ва чи аз деҳоти беҳисор; ва он санги калон, ки
сандуқи Худовандро бар он гузошта буданд, то имрӯз дар киштзори
Еҳушаи байтшемешӣ боқист.
19 Ва мардуми Байт-Шемешро, ки ба даруни сандуқи Худованд
назар андохта буданд, зарба зад, ва аз миёни қавм ҳафтод нафарро
зарба зад; ва қавм мотам гирифтанд, зеро ки Худованд қавмро зарбаи
азиме зада буд+.
20 Ва мардуми Байт-Шемеш гуфтанд: «Кист, ки ба ҳузури
Худованд, ба ҳузури ин Худои қуддус, битавонад истад? Ва Ӯ аз пеши
мо назди кӣ хоҳад рафт?»
21 Ва қосидонро назди сокинони Қирьят-Еорим фиристода,
гуфтанд: «Фалиштиён сандуқи Худовандро баргардониданд; омада,

онро назди худ бибаред»+.

## Сандуқ дар хонаи Аминодоб. Самуил — довар бар Исроил.

7 1 Ва мардуми Қирьят-Еорим омада, сандуқи Худовандро
бардошта бурданд, ва онро ба хонаи Аминодоб, ки дар Ҷибъо буд,
даровარданд; ва писари ӯ Элъозорро тақдис карданд, то ки сандуқи
Худовандро нигаҳбонӣ намояд+.
2 Ва аз рӯзе ки сандуқ дар Қирьят-Еорим сокин шуд, айёми зиёде
мурур карда, бист сол гузашт, ва тамоми хонадони Исроил
Худовандро ёд карданд.
3 Ва Самуил ба тамоми хонадони Исроил сухан ронда, гуфт: «Агар
шумо бо тамоми дили худ сӯи Худованд руҷӯъ намуда, худоёни
бегона ва Аштораҳоро аз миёни худ дур созед, ва дилҳои худро моил
гардонида, танҳо Ӯро ибодат намоед, Ӯ шуморо аз дасти фалиштиён
раҳо хоҳад кард»+.
4 Ва банӣ-Исроил Баалҳо ва Аштораҳоро дур сохта, танҳо
Худовандро ибодат карданд+.
5 Ва Самуил гуфт: «Ҳамаи исроилиёнро дар Мисфо ҷамъ кунед, то
ки дар бораи шумо назди Худованд дуо гӯям»+.
6 Ва онҳо дар Мисфо ҷамъ шуданд, ва об кашида, ба ҳузури
Худованд рехтанд, ва дар он рӯз рӯза доштанд, ва дар он ҷо гуфтанд:
«Мо ба ҳузури Худованд гуноҳ кардаем». Ва Самуил банӣ-Исроилро
дар Мисфо доварӣ намуд+.
7 Ва чун фалиштиён шуниданд, ки банӣ-Исроил дар Мисфо ҷамъ
шудаанд, сарварони фалиштиён ба муқобили Исроил баромаданд; ва
банӣ-Исроил инро шунида, аз фалиштиён тарсиданд.
8 Ва банӣ-Исроил ба Самуил гуфтанд: «Аз истиғоса бурдан дар
ҳаққи мо сӯи Худованд Худои мо хомӯш набош, то ки Ӯ моро аз дасти
фалиштиён наҷот диҳад».
9 Ва Самуил як барраи ширхорро гирифт, ва онро барои Худованд
комилан қурбонии сӯхтанӣ баровард, ва Самуил барои Исроил сӯи
Худованд истиғоса бурд, ва Худованд ӯро иҷобат намуд+.
10 Ва ҳангоме ки Самуил қурбонии сӯхтанӣ мебаровард,
фалиштиён омаданд, то ки бо Исроил ҷанг кунанд; ва дар он рӯз
Худованд бо садои азиме бар фалиштиён гулдуррос зада, онҳоро ба
даҳшат овард, ва онҳо пеши Исроил шикаст хӯрданд+.

[11] Ва мардуми Исроил аз Мисфо берун омада, фалиштиёнро
таъқиб карданд, ва то даме ки ба Байт-Кор расиданд, онҳоро зарба
заданд.
[12] Ва Самуил як сангро гирифта, дар миёни Мисфо ва Шен гузошт,
ва онро Эбен-Эзер* номида, гуфт: «То ин ҷо Худованд ба мо мадад
кард»+.
[13] Ва фалиштиён мағлуб гардиданд, ва дигар ба ҳудуди Исроил
надаромаданд; ва дар тамоми айёми Самуил дасти Худованд бар
фалиштиён боло буд.
[14] Ва шаҳрҳое ки фалиштиён аз Исроил гирифта буданд, аз Эқрӯн
то Ҷат, ба Исроил баргардонида шуд, ва ҳудуди онҳоро Исроил аз
дасти фалиштиён раҳо кард, ва дар байни Исроил ва амӯриён сулҳ
шуд.
[15] Ва Самуил тамоми айёми умри худ Исроилро доварӣ намуд.
[16] Ва ӯ сол ба сол рафта, Байт-Ил ва Ҷилҷол ва Мисфоро давр
мезад, ва бар Исроил дар ҳамаи ин мавзеъҳо доварӣ менамуд.
[17] Ва ба Ромо бармегашт, зеро ки дар он ҷо хонаи ӯ буд, ва дар он
ҷо бар Исроил доварӣ менамуд, ва дар он ҷо барои Худованд
қурбонгоҳ бино кард.

## Исроил подшоҳ металабад.

8 1 Ва ҳангоме ки Самуил пир шуд, писарони худро бар Исроил
довар таъин намуд.
2 Ва номи писари нахустзодаи ӯ Юил буд, ва номи дуюмаш — Абиё;
онҳо дар Беэр-Шобаъ довар буданд.
3 Вале писарони ӯ бо роҳи ӯ рафтор нанамуданд, балки ба тамаъ
моил гардида, ришва мехӯрданд ва дар доварӣ каҷкорӣ мекарданд+.
4 Ва ҳамаи пирони Исроил ҷамъ шуда, назди Самуил ба Ромо
омаданд.
5 Ва ба ӯ гуфтанд: «Инак, ту пир шудаӣ, ва писаронат бо роҳи ту
рафтор намекунанд; акнун бар мо подшоҳе таъин намо, то ки бар мо,
мисли халқҳои дигар, доварӣ кунад»+.
6 Ва ин гап ба назари Самуил бад намуд, вақте ки гуфтанд: «Ба мо
подшоҳе бидеҳ, то ки бар мо подшоҳӣ кунад». Ва Самуил сӯи
Худованд дуо гуфт.

## Исроил ҳокимияти Худоро рад мекунад.

7 Ва Худованд ба Самуил гуфт: «Овози қавмро дар ҳар чи ба ту
мегӯянд, бишнав, зеро ки онҳо туро рад накардаанд, балки Маро рад
кардаанд, то ки бар онҳо подшоҳӣ накунам.
8 Мисли тамоми аъмоле ки онҳо аз рӯзи берун овարданам аз Миср
то имрӯз ба ҷо оварданд, ва Маро тарк намуда, худоёни дигарро
ибодат карданд, ончунон онҳо бо ту низ рафтор менамоянд.
9 Ва алҳол овози онҳоро бишнав; аммо ба таври қатъӣ онҳоро
таъкид намо, ва аз таомули подшоҳе ки бар онҳо подшоҳӣ хоҳад
кард, онҳоро огоҳӣ бидеҳ».
10 Ва Самуил ҳамаи суханони Худовандро ба қавме ки аз ӯ подшоҳ
металабиданд, баён намуд.
11 Ва гуфт: «Таомули подшоҳе ки бар шумо подшоҳӣ хоҳад кард,
чунин аст: ӯ писарони шуморо гирифта, барои худ ба хизмати
аробаҳо ва аҳли рикоби худ таъин хоҳад намуд, ва онҳо пешопеши
аробаҳояш хоҳанд давид;+
12 Ва аз онҳо барои худ мириҳазорҳо ва мирипанҷоҳҳо таъин
хоҳад намуд; ва баъзеро ба рондани киштзораш, ба даравидани

ҳосилоташ ва ба сохтани олоти ҷангаш ва асбоби аробаҳояш хоҳад баргумошт.
[13] Ва духтарони шуморо барои атрсозӣ, ошпазӣ ва нонвоӣ хоҳад
гирифт.
[14] Ва беҳтарин киштзорҳо, токистонҳо ва боғҳои зайтуни шуморо
гирифта, ба хизматгузорони худ хоҳад дод+.
[15] Ва аз ҳосили киштзорҳо ва токистонҳои шумо ушр гирифта, ба
хоҷасароён ва хизматгузорони худ хоҳад дод.
[16] Ва навкарони шуморо, ва канизони шуморо, ва беҳтарин
ҷавонони шуморо, ва харони шуморо гирифта, барои корҳои худ
истифода хоҳад бурд.
[17] Ва ушри бузу гӯсфандони шуморо хоҳад гирифт; ва худи шумо
бандагони ӯ хоҳед буд.
[18] Ва дар он рӯз аз дасти подшоҳи худ, ки барои худ интихоб
намудаед, ба дод хоҳед омад; ва Худованд шуморо дар он рӯз иҷобат
нахоҳад кард»+.
[19] Валекин қавм аз шунидани овози Самуил сар тофта, гуфтанд:
«Не, бигзор бар мо подшоҳе бошад,
[20] Ва мо низ мисли ҳамаи халқҳо хоҳем буд, ва подшоҳамон бар
мо доварӣ хоҳад намуд, ва пешопеши мо баромада, ҷангҳои моро
хоҳад бурд».
[21] Ва Самуил ҳамаи суханони қавмро шунида, онҳоро ба самъи
Худованд расонид.
[22] Ва Худованд ба Самуил гуфт: «Овози онҳоро бишнав ва подшоҳе
бар онҳо таъин намо». Ва Самуил ба мардуми Исроил гуфт: «Ҳар яке
ба шаҳри худ биравед».

## Ба подшоҳӣ интихоб шудани Шоул.

9 [1] Ва марде аз мулки Биньёмин буд, ва номаш Қиш ибни Абиил,
ибни Сарур, ибни Бакурат, ибни Афиҳа буда, писари як шахси
биньёминӣ ва ҷанговари далере буд+.
[2] Ва ӯ писаре дошт, ки номаш Шоул буд, ва ҷавони ба назар намоён
ва хубсимое буд, ва дар миёни банӣ-Исроил касе аз ӯ хубсимотар
набуд; ӯ хушқаду қомат буда, аз тамоми қавм як сару гардан баланд
буд.
[3] Ва модахарҳои Қиш, падари Шоул, гум шуд, ва Қиш ба писараш
Шоул гуфт: «Лутфан, яке аз навкаронро ҳамроҳи худ бигир ва
бархоста, барои ҷустуҷӯи модахарҳо бирав».
[4] Ва ӯ кӯҳи Эфроимро тай намуд, ва замини Шолишоро тай намуд,
валекин наёфтанд; ва замини Шаалимро тай карданд, вале набуд, ва
замини Биньёминро тай намуд, валекин наёфтанд+.
[5] Вақте ки онҳо ба замини Суф расиданд, Шоул ба навкараш, ки бо
ӯ буд, гуфт: «Биё, баргардем, мабодо падарам аз баҳри модахарҳо
гузашта, ғами моро бихӯрад».
[6] Вале вай ба ӯ гуфт: «Инак, лутфан, марди Худо дар ин шаҳр ҳаст,
ва ӯ марди мӯҳтарам аст; ҳар чи ӯ бигӯяд, ҳамеша ба амал меояд;
алҳол ба он ҷо биравем; ӯ, шояд, роҳеро, ки бояд бо он биравем, ба мо
нишон диҳад»+.
[7] Ва Шоул ба навкараш гуфт: «Инак, агар биравем, ба он мард чӣ
чизе бибарем? Зеро ки ноне дар тӯрбаҳои мо боқӣ намондааст, ва
савғоте нест, ки ба марди Худо биёрем; пас, чӣ чизе дорем?»
[8] Ва он навкар боз ба Шоул ҷавоб гардонида, гуфт: «Инак, дар
дастам чорьяк сиқл нуқра ҳаст; ва онро ба марди Худо медиҳам, то
ки роҳи моро ба мо нишон диҳад».
[9] Дар замони қадим агар касе дар Исроил барои пурсидан аз Худо
мерафт, чунин мегуфт: «Биёед, назди пешбин биравем». Зеро ки
набии имрӯза дар замони қадим пешбин номида мешуд.
[10] Ва Шоул ба навкараш гуфт: «Суханат хуб аст, биё, биравем». Ва
онҳо ба шаҳре ки дар он ҷо марди Худо буд, рафтанд.
[11] Ҳангоме ки онҳо ба фарози шаҳр боло мебаромаданд, ба
духтароне вохӯрданд, ки барои об кашидан берун мерафтанд; ва ба
онҳо гуфтанд: «Оё пешбин дар ин ҷост?»

12 Дар ҷавоб онҳо гуфтанд: «Оре, инак ӯ пеши туст; алҳол шитоб
намо, зеро ки ӯ имрӯз ба шаҳр омадааст, чунки қавм имрӯз бар
баландӣ қурбонӣ мекунанд+.
13 Ҳамин ки ба шаҳр даромадед, пеш аз он ки ӯ барои хӯрок хӯрдан
ба баландӣ барояд, ӯро биёбед, зеро ки қавм то омадани ӯ хӯрок
намехӯранд, чунки ӯ қурбониро баракат медиҳад, ва баъд аз он
даъватшудагон хӯрок мехӯранд; ва алҳол бароед, зеро ки ҳоло ӯро
метавонед биёбед».
14 Ва онҳо сӯи шаҳр баромаданд; ҳангоме ки онҳо ба даруни шаҳр
дохил мешуданд, инак Самуил ба пешвози онҳо берун омад, то ки ба
баландӣ барояд.
15 Ва Худованд, як рӯз пеш аз омадани Шоул, гӯшраси Самуил
карда, гуфта буд:
16 «Фардо дар ҳамин вақт Ман шахсеро аз замини Биньёмин назди
ту мефиристам, ва ту ӯро тадҳин намо, то ки бар қавми Ман Исроил
раис бошад ва қавми Маро аз дасти фалиштиён наҷот диҳад; зеро ки
ба қавми Худ назар кардаам, чунки истиғосаи онхо ба Ман
расидааст»+.
17 Ва ҳангоме ки Самуил Шоулро дид, Худованд ба ӯ гуфт: «Ин аст
шахсе ки дар борааш ба ту гуфтам: „ӯ қавми Маро идора хоҳад
кард“».
18 Ва Шоул андаруни дарвоза ба Самуил наздик омада, гуфт:
«Лутфан, ба ман бигӯ, ки хонаи пешбин куҷост?»
19 Ва Самуил ба Шоул ҷавоб гардонида, гуфт: «Ман пешбин ҳастам,
пешопеши ман ба баландӣ баро, ва шумо имрӯз бо ман хӯрок хоҳед
хӯрд; ва бомдодон туро равона намуда, ҳар он чи дар дилат ҳаст, ба
ту хоҳам гуфт;
20 Ва дар бораи модахарҳоят, ки се рӯз пеш аз ин гум шудааст, ғам
нахӯр, зеро ки ёфт шудааст; ва тамоми нозу неъмати Исроил барои
кист? Он, охир, барои туст ва барои тамоми хонадони падари туст».
21 Ва Шоул ҷавоб гардонида, гуфт: «Ман, охир, биньёминӣ, яъне аз
хурдтарини сибтҳои Исроил ҳастам, ва қабилаи ман аз ҳамаи
қабилаҳои сибти Биньёмин хурдтар аст; пас чаро чунин сухане ба
ман мегӯӣ?»+
22 Ва Самуил Шоул ва навкари ӯро гирифта, ба хона даровард, ва ба
онҳо дар сари даъватшудагон, ки қариб сӣ нафар буданд, ҷо дод.

23 Ва Самуил ба таббох гуфт: «Ҳиссаеро, ки ба ту додаам ва дар
бораи он ба ту гуфтаам, ки пеши худ нигоҳ дорӣ, биёр».
24 Ва таббох ронро бо ҳар чи бар он буд, бардошта пеши Шоул
гузошт ва гуфт: «Инак, он чи нигоҳ дошта шуда буд, пеши ту гузошта
шуд; бихӯр, зеро ки он барои ту то ҳамин дам нигоҳ дошта шудааст,
аз вақте ки гуфтам: „Қавмро даъват намудаам“». Ва Шоул дар он рӯз
бо Самуил хӯрок хӯрд.
25 Ва онҳо аз баландӣ ба шаҳр фурӯд омаданд; ва бар болои бом ӯ
бо Шоул гуфтугӯ кард.
26 Ва онҳо бармаҳал бархостанд, ва баробари дамидани шафақи
субҳ Самуил Шоулро ба болои бом даъват намуда, гуфт: «Бархез, то
ки туро равона кунам». Ва Шоул бархост, ва ҳар дуяшон, ӯ ва Самуил,
берун рафтанд.
27 Ҳангоме ки онҳо ба канори шаҳр фурӯд омаданд, Самуил ба
Шоул гуфт: «Ба навкар бигӯ, ки аз мо пеш гузарад. — Вай пеш гузашт.
— Ва алҳол ту биист, то ки каломи Худоро ба ту бишнавонам».

## Самуил Шоулро тадҳин намуд.

**10** [1] Ва Самуил зарфи равғанро гирифта, бар сари ӯ рехт ва ӯро
бӯсида, гуфт: «Инак, Худованд туро бар мероси Худ тадҳин
намуд, то ки раиси он бошӣ+.
[2] Имрӯз, вақте ки аз пеши ман меравӣ, назди қабри Роҳел, дар
худуди Биньёмин, дар Селсаҳ, ба ду одам дучор хоҳӣ омад, ва онҳо ба
ту хоҳанд гуфт: „Модахарҳо, ки барои ҷустуҷӯяшон рафта будӣ, ёфт
шудааст, ва инак падарат масъалаи модахарҳоро аз хотир бароварда,
ғами шуморо мехӯраду мегӯяд: «Дар хусуси писарам чӣ кунам?»+
[3] Ва аз он ҷо зуд гузашта рафта, ба булути Тобӯр хоҳӣ расид, ва дар
он ҷо ба ту се мард дучор хоҳанд омад, ки сӯи Худо ба Байт-Ил
мераванд; яке аз онҳо се бузғоларо бардошта мебарад, дигаре се
қурси нонро бардошта мебарад, ва сеюмӣ машки шаробро бардошта
мебарад.
[4] Ва онҳо саломатии туро хоҳанд пурсид, ва ду нон ба ту хоҳанд
дод, ки аз дасташон хоҳӣ гирифт.
[5] Пас аз он ту ба Ҷибъои Худо хоҳӣ омад, ки дар он ҷо фавҷи
фалиштиён ҳастанд; ва ҳангоме ки дар он ҷо ба шаҳр дароӣ, ба
дастаи анбиё дучор хоҳӣ омад, ки аз баландӣ фурӯд меоянд, ва
пешопеши онҳо уд ва даф ва най ва барбат ҳаст, ва онҳо нубувват
мекунанд.
[6] Ва Рӯҳи Худованд бар ту нозил шуда, бо онҳо нубувват хоҳӣ
кард, ва ту шахси дигаре хоҳӣ гардид.
[7] Ва ҳангоме ки ин аломатҳо бо ту рӯй диҳад, ҳар он чи аз дастат
ояд, бикун, зеро ки Худо бо туст.
[8] Ва пеш аз ман ба Ҷилҷол фурӯд ой, ва инак ман назди ту фурӯд
хоҳам омад, то ки қурбониҳои сӯхтанӣ биёрам, ва қурбониҳои
саломатӣ забҳ намоям; ҳафт рӯз мунтазир бош, то ки назди ту биёям,
ва он гоҳ туро огоҳ хоҳам намуд, ки чӣ бояд бикунӣ“».
[9] Ва чун ӯ пушти худро гардонид, то ки аз пеши Самуил биравад,
Худо ба ӯ дили дигаре бахшид; ва ҳамаи он аломатҳо дар он рӯз ба
амал омад.
[10] Ва ҳангоме ки онҳо ба тал расиданд, инак дастаи анбиё ба
пешвози ӯ пайдо шуданд; ва Рӯҳи Худованд бар ӯ нозил шуд, ва ӯ дар
миёни онҳо нубувват намуд+.

11 Ва ҳамаи онҳое ки пеш аз ин ӯро мешинохтанд, чун диданд, ки
инак ӯ бо анбиё нубувват менамояд, дар миёни қавм ба ҳамдигар
гуфтанд: «Ба писари Қиш чӣ ҳодиса рӯй додааст? Оё Шоул низ аз
ҷумлаи анбиёст?»
12 Ва яке аз касони он ҷо ҷавоб гардонида, гуфт: «Пас, падари онҳо
кист?» Бинобар ин мақоле пайдо шуд: «Оё Шоул низ аз ҷумлаи
анбиёст?»+
13 Ва ӯ аз нубувват кардан фориғ шуда, ба болои баландӣ баромад.
14 Ва амаки Шоул ба ӯ ва навкари ӯ гуфт: «Куҷо рафта будед?» Ӯ
гуфт: «Барои кофта ёфтани модахарҳо, вале чун дидем, ки нестанд,
пеши Самуил даромадем».
15 Ва амаки Шоул гуфт: «Лутфан, ба ман ҳикоят кун, ки Самуил ба
шумо чӣ гуфт?»
16 Ва Шоул ба амаки худ гуфт: «Ӯ ба мо хабар дод, ки модахарҳо
ёфт шудааст». Вале дар бораи масъалаи подшоҳӣ, ки Самуил гуфта
буд, ба вай хабар надод.
17 Ва Самуил қавмро сӯи Худованд ба Мисфо даъват намуд.
18 Ва ба банӣ-Исроил гуфт: «Худованд Худои Исроил чунин
мегӯяд: „Ман Исроилро аз Миср берун овардам; ва шуморо аз дасти
мисриён ва аз дасти ҳамаи мамлакатҳое ки шуморо ба танг
меоварданд, раҳо кардам“+.
19 Ва шумо имрӯз Худои худро, ки шуморо аз ҳамаи тангиҳо ва
мусибатҳои шумо наҷот медиҳад, рад намуда, ба Ӯ гуфтед: „Подшоҳе
бар мо таъин намо“. Ва алҳол мувофиқи сибтҳо ва қабилаҳои худ ба
ҳузури Худованд ҳозир шавед»+.
20 Ва Самуил ҳамаи сибтҳои Исроилро барои қуръа наздик овард;
ва қуръа ба сибти Биньёмин афтод.
21 Ва сибти Биньёминро мувофиқи қабилаҳои он наздик овард, ва
қуръа ба қабилаи Матрӣ афтод; ва қуръа ба Шоул ибни Қиш афтод; ва
ӯро ҷустуҷӯ карданд, вале наёфтанд.
22 Ва бори дигар аз Худо пурсиданд: «Оё боз марде ба ин ҷо хоҳад
омад?» Ва Худованд гуфт: «Инак, ӯ андаруни ашьё пинҳон шудааст».
23 Ва онҳо давида, ӯро аз он ҷо гирифтанд, ва ӯ дар миёни қавм
биистод, ва аз тамоми қавм як сару гардан баланд буд.
24 Ва Самуил ба тамоми қавм гуфт: «Оё шумо мебинед, ки
Худованд киро интихоб намудааст? Зеро ки дар тамоми қавм касе

мисли ӯ нест». Ва тамоми қавм нидо карда, гуфтанд: «Зинда бод
подшоҳ!»+
[25] Ва Самуил таомули подшоҳиро ба қавм баён намуда, дар китобе
навишт, ва онро пеши Худованд гузошт; ва Самуил тамоми қавмро
равона кард, то ки ҳар яке ба хонаи худ биравад+.
[26] Ва Шоул низ ба хонаи худ ба Ҷибъо рафт; ва мардуми
адолатпеша, ки тарси Худо дар дилашон ҷойгир буд, ҳамроҳи ӯ
рафтанд.
[27] Валекин мардуми сафил гуфтанд: «Оё ин одам метавонад моро
наҷот диҳад?» Ва ӯро хор дида, ҳадияе барояш наоварданд; вале ӯ
худро ба нофаҳмӣ зад+.

## Ғалабаи Шоул назди Ёбиш-Ҷилъод.

**11**

1 Ва Ноҳоши аммӯнӣ баромада, назди Ёбиш-Ҷилъод ӯрду зад; ва тамоми мардуми Ёбиш ба Ноҳош гуфтанд: «Бо мо аҳд бибанд, ва мо хизмати туро ба ҷо хоҳем овард»+.

2 Ва Ноҳоши аммӯнӣ ба онҳо гуфт: «Бо чунин шарт бо шумо аҳд хоҳам баст, ки чашми рости ҳар яке аз шумо канда шавад; ва шуморо нанге бар тамоми Исроил хоҳам гардонид»+.

3 Ва пирони Ёбиш ба ӯ гуфтанд: «Ба мо ҳафт рӯз мӯҳлат бидеҳ, то ки ба тамоми ҳудуди Исроил қосидон бифиристем, ва агар наҷотдиҳандае барои мо ёфт нашавад, пеши ту берун хоҳем омад».

4 Ва қосидон ба Ҷибъои Шоул омада, ин суханонро ба гӯши қавм расониданд; ва тамоми қавм овози худро баланд карда, гиристанд+.

5 Ва инак, Шоул дар ақиби говон аз саҳро омад, ва Шоул гуфт: «Қавмро чӣ шудааст, ки мегирьянд?» Ва суханони мардуми Ёбишро ба ӯ ҳикоят карданд.

6 Ва ҳангоме ки Шоул ин суханонро шунид, Рӯҳи Худо бар ӯ нозил шуд, ва ғазабаш бағоят аланга зад+.

7 Ва ҷуфти говонро гирифта, пора-пора кард, ва ба воситаи қосидон ба тамоми ҳудуди Исроил фиристода, гуфт: «Касе ки аз паи Шоул ва аз паи Самуил берун наояд, ба говонаш ҳамин тавр карда хоҳад шуд». Ва тарси Худованд бар қавм афтод, ва ҳама мисли як тан берун омаданд+.

8 Ва ӯ онҳоро дар Бозақ шумурд, ва банӣ-Исроил сесад ҳазор, ва мардуми Яҳудо сӣ ҳазор буданд+.

9 Ва ба қосидоне ки омада буданд, гуфтанд: «Ба мардуми Ёбиш-Ҷилъод чунин бигӯед: „Фардо, дар вақти гармии офтоб, барои шумо наҷот хоҳад омад“» Ва қосидон омада, ба мардуми Ёбиш хабар доданд, ва онҳо шодӣ карданд.

10 Ва мардуми Ёбиш гуфтанд: «Фардо пеши шумо берун хоҳем омад, ва ҳар чи дар назаратон писанд ояд, бо мо бикунед».

11 Ва фардояш чунин воқеъ шуд, ки Шоул қавмро ба се фавҷ тақсим намуд, ва онҳо дар поси саҳарӣ ба даруни ӯрдугоҳ омаданд, ва то вақти гармии офтоб аммӯниёнро торумор карданд; ва бақияи онҳо пароканда шуданд, ба тавре ки ду нафар аз онҳо дар як ҷо намонданд+.

12 Ва қавм ба Самуил гуфтанд: «Кист, ки гуфтааст: „Наход ки Шоул
бар мо подшоҳӣ кунад?“ Он касонро бидиҳед, ва мо онҳоро хоҳем
кушт».
13 Вале Шоул гуфт: «Касе имрӯз кушта нахоҳад шуд, зеро ки имрӯз
Худованд барои Исроил наҷот ба амал овард».
14 Ва Самуил ба қавм гуфт: «Биёед, ба Ҷилҷол биравем, ва
салтанатро дар он ҷо аз нав барқарор намоем»+.
15 Ва тамоми қавм ба Ҷилҷол рафтанд, ва дар он ҷо Шоулро ба
ҳузури Худованд дар Ҷилҷол подшоҳ таъин намуданд, ва дар он ҷо ба
ҳузури Худованд қурбониҳои саломатӣ забҳ карданд, ва дар он ҷо
Шоул ва тамоми мардуми Исроил ниҳоятдараҷа шод гардиданд.

## Самуил унвони доварро аз гардани худ соқит мекунад.

12 [1] Ва Самуил ба тамоми Исроил гуфт: «Инак, ман овози
шуморо дар ҳар чи ба ман гуфтед, шунидам, ва подшоҳе бар
шумо таъин намудам+.
[2] Ва алҳол, инак подшоҳ пешопеши шумо роҳ меравад. Ва ман пир
ва мӯйсафед шудаам, ва писарони ман бо шумо мебошанд. Ва ман аз
ҷавонии худ то имрӯз пешопеши шумо роҳ мерафтам.
[3] Инак ман ҳозирам; пас ба ҳузури Худованд ва пеши масеҳи Ӯ дар
ҳаққи ман шаҳодат диҳед, ки гови киро гирифтаам, ва хари киро
гирифтаам, ва киро ранҷонидаам, ва киро ба танг овардаам, ва аз
дасти кӣ ришва гирифта, аз вай чашм пӯшидаам, — ва ман ба шумо
талофӣ хоҳам дод»+.
[4] Ва онҳо гуфтанд: «Ту моро наранҷонидаӣ, ва ба танг наовардаӣ,
ва чизе аз дасти касе нагирифтаӣ».
[5] Ва ӯ ба онҳо гуфт: «Худованд бар шумо шоҳид аст, ва масеҳи Ӯ
имрӯз шоҳид аст, ки шумо чизе дар дасти ман наёфтаед». Ва онҳо
гуфтанд: «Шоҳид аст».
[6] Ва Самуил ба қавм гуфт: «Худованд аст, ки Мусо ва Ҳорунро
баргузид, ва падарони шуморо аз замини Миср баровард.
[7] Ва акнун ҳозир шавед, то ки бо шумо ба ҳузури Худованд дар
бораи ҳамаи некиҳое ки Худованд ба шумо ва ба падарони шумо
кардааст, муҳокима намоям.
[8] Вақте ки Яъқуб ба Миср омад, ва падарони шумо сӯи Худованд
истиғоса бурданд, Худованд Мусо ва Ҳорунро фиристод, ва онҳо
падарони шуморо аз Миср берун оварда, дар ин макон онҳоро ҷойгир
карданд+.
[9] Валекин онҳо Худованд Худои худро фаромӯш карданд, ва Ӯ
онҳоро ба дасти Сисро, сарлашкари Ҳосӯр, ва ба дасти фалиштиён, ва
ба дасти подшоҳи Мӯоб супурд, ки ба муқобили онҳо ҷанг карданд+.
[10] Ва онҳо сӯи Худованд фарьёд зада, гуфтанд: „Гуноҳ кардаем,
зеро ки Худовандро тарк карда, Баалҳо ва Аштораҳоро ибодат
намудаем, ва алҳол моро аз дасти душманони мо раҳоӣ деҳ, ва мо
Туро ибодат хоҳем намуд“+.
[11] Ва Худованд Ерубаал ва Бадон ва Йифтоҳ ва Самуилро фиристод,
ва шуморо аз дасти душманонатон, ки дар гирду пешатон буданд,

раҳо кард, ва шумо дар амният сукунат намудед+.
12 Ва чун дидед, ки Ноҳош, подшоҳи банӣ-Аммӯн, ба муқобили
шумо меояд, ба ман гуфтед: „Не, бигзор подшоҳе бар мо подшоҳӣ
кунад“, ва ҳол он ки Худованд Худои шумо подшоҳи шумост+.
13 Ва алҳол, инак подшоҳе ки интихоб намудед ва ӯро талабидед;
ва инак Худованд бар шумо подшоҳе таъин намудааст.
14 Агар аз Худованд тарсида, Ӯро ибодат намоед ва овозашро
бишнавед, ва ба фармони Худованд зиддият нишон надиҳед, он гоҳ
ҳам худатон ва ҳам подшоҳатон, ки бар шумо подшоҳӣ мекунад, дар
паноҳи Худованд Худои худ хоҳед буд.
15 Валекин агар овози Худовандро нашнавед ва ба фармони
Худованд зиддият нишон диҳед, он гоҳ Худованд бар зидди шумо
хоҳад буд, чунон ки бар зидди падарони шумо буд+.

## Бар тибқи дуои Самуил Худованд раъд ва борон мефиристад.

16 Низ алҳол биистед ва ин кори бузургро, ки Худованд дар пеши
назари шумо ба ҷо меоварад, бубинед.
17 Имрӯз, охир, мавсими даравидани гандум аст, вале ман сӯи
Худованд хоҳам хонд, ва Ӯ раъд ва борон хоҳад фиристод, то шумо
бидонед ва бубинед, ки чӣ гуна гуноҳи азиме пеши назари Худованд
ба амал овардаед, вақте ки барои худ подшоҳ талабидаед».
18 Ва Самуил сӯи Худованд хонд, ва Худованд дар он рӯз раъд ва
борон фиристод, ва тамоми қавм аз Худованд ва аз Самуил бағоят
тарсиданд.
19 Ва тамоми қавм ба Самуил гуфтанд: «Барои бандагонат сӯи
Худованд Худои худ дуо бигӯй, то ки намирем, зеро ки мо бар ҳамаи
гуноҳҳои худ боз шароратe зам намудаем, вақте ки барои худ подшоҳ
талабидаем».
20 Ва Самуил ба қавм гуфт: «Натарсед, агарчи шумо ин шароратро
ба амал овардаед, лекин аз пайравии Худованд дур нашавед, балки бо
тамоми дили худ Худовандро ибодат намоед.
21 Ба ҳеҷ ваҷҳ дур нашавед, вагар на, чизҳои ҳеҷу пучро пайравӣ
хоҳед намуд, ки онҳо бефоида аст ва раҳо нахоҳад кард, чунки онҳо
ҳеҷу пуч аст+.
22 Аммо Худованд ба хотири исми бузурги Худ қавми Худро тарк
нахоҳад кард, зеро Худованд азм намудааст, ки шуморо барои худ

қавм гардонад+.
[23] Худи ман низ, ҳошо ки ман ба ҳузури Худованд чунин гуноҳро
ба худ раво бинам, ки барои шумо дуо гуфтанро тарк намоям, балки
шуморо ба роҳи нек ва рост ҳидоят хоҳам кард+.
[24] Фақат аз Худо битарсед, ва Ӯро ба ростӣ бо тамоми дили худ
ибодат намоед, зеро бубинед, ки чӣ гуна корҳои бузург Ӯ барои шумо
кардааст+.
[25] Валекин агар ба шарорат дода шавед, ҳам худатон ва ҳам
подшоҳатон ба ҳалокат хоҳед расид»+.

## Худсарии Шоул.

13 [1] Шоул (сӣ) — сола буд, ки подшоҳ шуд, ва чун ду сол бар
Исроил подшоҳӣ кард,
[2] Шоул барои худ се ҳазор нафар аз исроилиён интихоб намуд, ки
ду ҳазор нафари онҳо бо Шоул дар Михмос ва дар кӯҳи Байт-Ил
буданд, ва ҳазор нафарашон бо Йӯнотон дар Ҷибъои Биньёмин
буданд; ва бақияи қавмро ӯ фиристод, то ки ҳар яке ба хаймаи худ
биравад.
[3] Ва Йӯнотон ба фавҷи фалиштиёне ки дар Ҷибъо буданд, шикаст
расонид, ва фалиштиён инро шуниданд; ва Шоул дар тамоми замин
шох навохта, гуфт: «Эй ибриён, бишнавед!»+
[4] Ва чун тамоми Исроил шуниданд, ки Шоул ба фавҷи фалиштиён
зарба расонидааст, ва Исроил дар назари фалиштиён нафратангез
гардидаанд, — қавм назди Шоул дар Ҷилҷол ҷамъ омаданд,
[5] Ва фалиштиён барои ҷанг кардан ба муқобили Исроил ҷамъ
шуданд, ки сӣ ҳазор ароба, ва шаш ҳазор савора, ва қавми сершуморе
мисли реги соҳили баҳр доштанд; ва онҳо омада, дар Михмос, ба
тарафи шарқии Байт-Овин ӯрду заданд+.
[6] Ва мардуми Исроил диданд, ки аҳволашон табоҳ шудааст, зеро
ки қавм ба танг омадаанд. Ва қавм дар мағораҳо, ва дар сӯроххо, ва
дар миёни сахраҳо, ва дар бурҷҳо, ва дар ҳафраҳо пинҳон шуданд;+
[7] Ва баъзе аз ибриён аз Урдун гузашта, ба замини Ҷод ва Ҷилъод
омаданд; ва Шоул ҳанӯз дар Ҷилҷол буд, ва тамоми қавм бо тарсу
ларз назди ӯ шитофтанд.
[8] Ва ҳафт рӯз, то мӯҳлате ки Самуил таъин намуда буд, интизорӣ
кашиданд, вале Самуил ба Ҷилҷол наомад; ва қавм аз пеши Шоул
пароканда мешуданд+.
[9] Ва Шоул гуфт: «Курбонии сӯхтанӣ ва қурбониҳои саломатиро
назди ман биёред!» Ва қурбонии сӯхтаниро баровард.
[10] Ва ҳамин ки баровардани қурбонии сӯхтаниро анҷом дод, инак,
Самуил омад; ва Шоул ба пешвози ӯ баромад, то ки ӯро табрик
намояд.

## Худованд Шоулро рад мекунад.

11 Ва Самуил гуфт: «Чӣ кардӣ?» Ва Шоул гуфт: «Чун дидам, ки қавм
аз пеши ман пароканда мешаванд, ва ту дар мӯҳлати таъиншуда
наомадӣ, ва фалиштиён дар Михмос ҷамъ шудаанд, —
12 Ба дили худ гуфтам, ки алҳол фалиштиён ба муқобили ман дар
Ҷилҷол фурӯд хоҳанд омад, дар сурате ки ман ҳанӯз ба ҳузури
Худованд илтиҷо набурдаам, бинобар ин ман ҷуръат намуда,
қурбонии сӯхтаниро баровардам».
13 Ва Самуил ба Шоул гуфт: «Беақлона амал кардаӣ! Ҳукми
Худованд Худои худро, ки Ӯ ба ту амр фармудааст, ба ҷо наовардаӣ,
ва ҳол он ки алҳол Худованд подшоҳии туро бар Исроил то абад
устувор мегардонид;+
14 Вале алҳол подшоҳии ту устувор нахоҳад гардид: Худованд
барои Худ шахси дигарро ба муддаои табъи Худ хоҳад талабид, ва
ӯро Худованд бар қавми Худ раис таъин хоҳад кард, зеро ки ту он
чиро, ки Худованд ба ту амр фармуда буд, ба ҷо наовардаӣ»+.
15 Ва Самуил бархоста, аз Ҷилҷол ба Ҷибъои Биньёмин омад; ва
Шоул қавмеро, ки ҳамроҳаш буданд, шумурд, ки тақрибан шашсад
нафар боқӣ монда буданд.
16 Ва Шоул ва писараш Йӯнотон, ва қавме ки бо онҳо буданд, дар
Ҷибъои Биньёмин ҷойгир шуданд; ва фалиштиён дар Михмос ӯрду
заданд.
17 Ва харобкунандагон аз ӯрдуи фалиштиён се фавҷ берун
омаданд: як фавҷ ба роҳи Офро, сӯи замини Шоул равона шуданд;
18 Ва фавҷи дигар ба роҳи Байт-Ҳӯрӯн равона шуданд; ва як фавҷ
ба роҳи сарҳад, ки бар дараи Сабӯим сӯи биёбон намудор буд, равона
шуданд.
19 Ва дар тамоми замини Исроил оҳангаре ёфт намешуд, зеро ки
фалиштиён мегуфтанд: «Мабодо ибриён шамшере ё найзае
бисозанд».
20 Ва ҳамаи исроилиён назди фалиштиён фурӯд меомаданд, то ки
ҳар яке говоҳани худ ва каланди худ ва табари худ ва зоғнӯли худро
тез кунанд.
21 Вале барои зоғнӯлҳо ва каландҳо ва сешохаҳо ва табарҳо ва тез
кардани неши халачӯбҳо сӯҳон доштанд.

22 Ва дар рӯзи ҷанг дар дасти тамоми қавме ки бо Шоул ва Йӯнотон
буданд, шамшер ва найзае ёфт нашуд; фақат дар дасти Шоул ва
писараш Йӯнотон ёфт шуд.
23 Ва дастаи посбонони фалиштӣ ба самти гузаргоҳи Михмос
берун омаданд.

## Ғалабаи бузурги Йӯнотон.

**14** [1] Ва рӯзе Йӯнотон ибни Шоул ба навкари силоҳбардори худ
гуфт: «Биё, сӯи дастаи посбонони фалиштӣ, ки дар он тараф
ҳастанд, убур намоем». Валекин ба падари худ хабар надод.
[2] Ва Шоул дар канори Ҷибъо, зери дарахти аноре ки дар Мигрӯн
буд, сукунат дошт; ва қавме ки бо ӯ буданд, тақрибан шашсад нафар
буданд.
[3] Ва Аҳиё ибни Аҳитуб, бародари Ихобӯд ибни Финҳос, ибни Элӣ,
ки коҳини Худованд дар Шилӯ буд, эфӯд дар бар карда буд; ва қавм
намедонистанд, ки Йӯнотон рафтааст+.
[4] Ва дар миёни гузаргоҳҳое ки Йӯнотон мехост аз онҳо сӯи дастаи
посбонони фалиштӣ убур намояд, як сахраи нӯгтез аз ин тараф ва як
сахраи нӯгтез аз он тараф буд, ва номи яке Бӯсес ва номи дигаре Сене
буд.
[5] Як сахраи нӯгтез аз шимол дар рӯ ба рӯи Михмос қомат рост
карда буд, ва сахраи дигар — аз ҷануб дар рӯ ба рӯи Ҷибъо.
[6] Ва Йӯнотон ба навкари силоҳбардори худ гуфт: «Биё, сӯи дастаи
посбонони ин номахтунон убур намоем, шояд Худованд ба мо ёварӣ
кунад, зеро ки барои Худованд ҳеҷ монеае нест, ки ба воситаи касони
бисьёр ё ба воситаи касони кам наҷот бахшад»+.
[7] Ва силоҳбардораш ба ӯ гуфт: «Ҳар он чи дар дилат ҳаст, бикун; ба
ҳар ҷо, ки майл дорӣ, бирав; инак ман мувофиқи дилхоҳи ту бо ту
ҳастам».
[8] Ва Йӯнотон гуфт: «Инак, мо сӯи ин одамон убур намуда, худро ба
онҳо нишон медиҳем.
[9] Агар онҳо чунин гӯянд: „Биистед, то ки назди шумо бирасем“, —
он гох мо дар ҷои худ истода, пеши онҳо нахоҳем баромад.
[10] Валекин агар чунин гӯянд: „Пеши мо бароед“, — он гоҳ мо хоҳем
баромад, зеро ки Худованд онҳоро ба дасти мо супурдааст; ва ин
барои мо аломат хоҳад буд».
[11] Ва ҳар дуяшон худро ба дастаи посбонони фалиштӣ нишон
доданд, ва фалиштиён гуфтанд: «Инак, ибриён аз сӯрохҳое ки дар
онҳо пинҳон шудаанд, берун меоянд»+.
[12] Ва баъзе аз дастаи посбонон ба Йӯнотон ва силоҳбардораш
гуфтанд: «Пеши мо бароед, то ки чизе ба шумо нишон диҳем». Ва

Йӯнотон ба силоҳбардори худ гуфт: «Аз ақибам баро, зеро ки
Худованд онҳоро ба дасти Исроил супурдааст».
[13] Ва Йӯнотон бо дастҳо ва поҳояш андармон шуда боло баромад,
ва силоҳбардораш аз ақибаш. Ва онҳо пеши Йӯнотон афтодан
гирифтанд, ва силоҳбардори ӯ онҳоро аз паи ӯ мекушт.
[14] Ва аз ин зарбаи аввалине ки Йӯнотон ва силоҳбардораш
расониданд, қариб бист нафар талаф шуданд, дар нисфи майдоне ки
як ҷуфт гов дар як рӯз шудгор мекунад.
[15] Ва дар ӯрдугоҳ ва саҳро, ва дар миёни тамоми қавм даҳшат
ҳукмфармо шуд: дастаи посбонон ва фавҷҳои харобкунандагон низ
дар даҳшат афтоданд, ва замин ба ларза омад, ва даҳшати азиме аз
ҷониби Худо ҳамаро фаро гирифт.
[16] Ва дидбонони Шоул дар Ҷибъои Биньёмин диданд, ки инак,
анбӯҳ пароканда шуда, ба ҳар тараф медаванд.
[17] Ва Шоул ба қавме ки бо ӯ буданд, гуфт: «Саршуморӣ карда,
бубинед, ки аз миёни мо кӣ берун рафтааст?» Ва саршуморӣ карданд,
ва инак Йӯнотон ва силоҳбардораш нестанд.
[18] Ва Шоул ба Аҳиё гуфт: «Сандуқи Худоро наздик биёр». Зеро ки
сандуқи Худованд дар он рӯз ҳамроҳи банӣ-Исроил буд+.
[19] Ва ҳангоме ки Шоул ба коҳин сухан меронд, шӯру шағаб дар
ӯрдуи фалиштиён торафт меафзуд, ва Шоул ба коҳин гуфт: «Дастатро
нигоҳ дор».
[20] Ва Шоул ва тамоми қавме ки бо ӯ буданд, ҷамъ шуда, ба
майдони корзор омаданд; ва инак, шамшери ҳар яке ба зидди дигаре
кашида шуда буд: шӯру шағаб бағоят бузург буд+.
[21] Ва ибриёне ки дирӯз ва парирӯз дар сафи фалиштиён буда ва бо
онҳо баромада, дар ҳар тарафи ӯрдуи онҳо меистоданд, — онҳо низ
ба исроилиёне ки бо Шоул ва Йӯнотон буданд, ҳамроҳ шуданд.
[22] Ва ҳамаи исроилиёне ки дар кӯҳи Эфроим пинҳон шуда буданд,
чун шуниданд, ки фалиштиён рӯ ба гурез овардаанд, — онҳо низ ба
ҷанг даромада, душманро дунболагирӣ карданд.
[23] Ва Худованд дар он рӯз Исроилро наҷот дод, ва ҷанг то Байт-
Овин расид.
[24] Ва мардуми Исроил дар он рӯз бемаҷол гардида буданд, зеро ки
Шоул қавмро қасам дода гуфта буд: «Малъун бод касе ки то шом, то

даме ки ман аз душманонам интиқом гирам, хӯроке бихӯрад!» Ва
тамоми қавм чизе нахӯрданд.
25 Ва тамоми аҳли замин ба ҷангал расиданд, ва асал бар рӯи
марғзор буд.
26 Ва қавм ба ҷангал даромаданд, ва инак асал ҷорист, валекин ҳеҷ
кас дасташро ба даҳонаш набурд, зеро ки қавм аз қасам метарсиданд.
27 Вале Йӯнотон бехабар буд аз он ки падараш қасам дода буд, ва ӯ
нӯги асоеро, ки дар дасташ буд, дароз карда, дар шони асал ғӯтонид,
ва дасташро ба даҳонаш бурд, ва чашмонаш равшан шуд.
28 Ва касе аз миёни қавм хитоб намуда, гуфт: «Падарат қавмро
қасам дода, гуфтааст: „Малъун бод касе ки имрӯз хӯроке бихӯрад!“
Бинобар ин қавм бемаҷол шудаанд».
29 Ва Йӯнотон гуфт: «Падарам заминро ба изтироб андохтааст!
Бубинед, чӣ гуна чашмони ман равшан шуд, зеро ки андаке аз ин
асал чашидам+.
30 Алалхусус, агар қавм имрӯз аз ғанимати душманони худ, ки
пайдо кардаанд, чизе мехӯрданд, оё шикасти фалиштиён боз ҳам
зиёдтар намешуд?»
31 Ва дар он рӯз фалиштиёнро аз Михмос то Аёлӯн торумор
карданд, ва қавм бағоят бемаҷол шуданд+.
32 Ва қавм ба ғанимат дарафтоданд, ва бузу гӯсфандон ва гову
гӯсолаҳоро гирифта, бар замин куштанд, ва кавм гӯштро бо хуни он
хӯрданд.
33 Ва ба Шоул хабар дода, гуфтанд: «Инак, қавм пеши Худованд
гуноҳ карда, гӯштро бо хунаш мехӯранд». Ва ӯ гуфт: «Шумо хиёнат
кардаед! Алҳол пеши ман санги калоне биғелонед»+.
34 Ва Шоул гуфт: «Дар миёни қавм пароканда шуда, ба онҳо бигӯед:
„Ҳар кас гови худро ва ҳар кас барраи худро назди ман биёред, ва дар
ин ҷо кушта, бихӯред, ва пеши Худованд гуноҳ карда, гӯштро бо хуни
он нахӯред“». Ва тамоми қавм, ҳар кас бо дасти худ, говашро дар он
шаб оварда, дар он ҷо куштанд.
35 Ва Шоул қурбонгоҳе барои Худованд бино кард: ин аввалин
қурбонгоҳе буд, ки ӯ барои Худованд бино кард.
36 Ва Шоул гуфт: «Имшаб аз ақиби фалиштиён биравем, ва онҳоро
то рӯшноии субҳ ғорат карда, касеро аз онҳо боқӣ нагузорем». Ва

гуфтанд: «Ҳар чи дар назарат писанд ояд, бикун». Ва коҳин гуфт:
«Дар ин ҷо ба Худо муроҷиат намоем».
37 Ва Шоул аз Худо пурсид: «Оё аз ақиби фалиштиён фурӯд оям? Оё
онҳоро ба дасти Исроил хоҳӣ супурд?» Вале дар он рӯз Ӯ ба вай ҷавоб
надод+.
38 Ва Шоул гуфт: «Эй ҳамаи сарварони қавм, ба ин ҷо наздик оед,
ва бидонед ва бубинед, ки имрӯз ин гуноҳ дар чист?
39 Зеро қасам ба ҳаёти Худованди наҷотдиҳандаи Исроил, ки агар
дар писарам Йӯнотон бошад, вай низ ҳатман хоҳад мурд». Вале аз
миёни тамоми қавм касе ба ӯ ҷавоб надод.
40 Ва ӯ ба тамоми Исроил гуфт: «Шумо ба як тараф истед, ва ман бо
писарам Йӯнотон ба тарафи дигар меистем». Ва қавм ба Шоул
гуфтанд: «Ҳар чи дар назарат писанд ояд, бикун».
41 Ва Шоул ба Худованд гуфт: «Эй Худои Исроил, ҳақиқатро
бикшой!» Ва қуръа ба Йӯнотон ва Шоул афтод, ва қавм беайб
баромаданд.
42 Ва Шоул гуфт: «Дар миёни ман ва писарам Йӯнотон қуръа
партоед». Ва қуръа ба Йӯнотон афтод+.
43 Ва Шоул ба Йӯнотон гуфт: «Ба ман бигӯ, ки чӣ кардӣ?» Ва
Йӯнотон ба ӯ ҳикоят карда, гуфт: «Бо нӯги асое ки дар даст дорам,
андаке асал чашидам; инак, ман барои мурдан ҳозирам».
44 Ва Шоул гуфт: «Худо чунин ва зиёда аз ин бикунад, эй Йӯнотон,
зеро ки ту ҳатман хоҳӣ мурд!»
45 Валекин қавм ба Шоул гуфтанд: «Оё Йӯнотон, ки ин наҷоти
бузургро барои Исроил ба амал овардааст, бимирад? Ҳошо ва калло!
Қасам ба ҳаёти Худованд, ки мӯе аз сари ӯ ба замин нахоҳад афтод,
зеро ки ӯ имрӯз бо Худо амал кардааст». Ва қавм барои Йӯнотон
фидия доданд, ва ӯ намурд+.
46 Ва Шоул аз дунболагирии фалиштиён даст кашид — ва
фалиштиён ба макони худ рафтанд.
47 Ва Шоул подшоҳии худро ба Исроил пойдор гардонид, ва бо
ҳамаи душманони худ, ки дар гирду пеш буданд: бо Мӯоб, ва банӣ-
Аммӯн, ва Адӯм, ва подшоҳони Сӯбо, ва фалиштиён ҷанг кард, ва ба
зидди ҳар кас, ки рӯй меовард, дастболо мешуд+.
48 Ва лашкар барпо намуда, ба Амолеқ шикаст расонид, ва
Исроилро аз дасти тороҷгарони он раҳо кард+.

[49] Ва писарони Шоул инҳо буданд: Йӯнотон, Йишвӣ ва Малкишуа.
Ва номи ду духтараш чунин буд: номи калонӣ — Мераб, ва номи
хурдӣ — Микал+.
[50] Ва номи зани Шоул Аҳинӯам бинти Аҳимоас буд; ва номи
сарлашкараш Абнир ибни Нир, амаки Шоул, буд+.
[51] Падари Шоул, Қиш, ва падари Абнир, Нир, писарони Абиил
буданд+.
[52] Ва дар тамоми айёми Шоул ба муқобили фалиштиён ҷанги сахт
бурда мешуд; ва ҳар марди зӯровар ва шуҷоъро, ки Шоул медид,
назди худ ҷамъ мекард+.

## Итоати нопурраи Шоул.

15 [1] Ва Самуил ба Шоул гуфт: «Худованд маро фиристода буд,
ки туро ба подшоҳӣ бар қавми Ӯ, бар Исроил тадҳин намоям; ва
акнун ту овози суханони Худовандро бишнав+.
[2] Худованди лашкарҳо чунин мегӯяд: „Он чиро, ки Амолеқ дар
ҳаққи Исроил карда буд, дар хотир дорам, ки вай дар сари роҳи онҳо,
вақте ки онҳо аз Миср баромаданд, камин ниҳода буд+.
[3] Акнун ту рафта, ба Амолеқ шикаст расон; ва ҳар он чи вай дорад,
несту нобуд кунед; ва ба ӯ раҳм накун, балки аз мард то зан, аз кӯдак
то тифли ширмак, аз гов то гӯсфанд, аз шутур то хар бикуш“».
[4] Ва Шоул қавмро даъват намуд, ва аз онҳо дусад ҳазор пиёда дар
Талоим шумурд; ва даҳ ҳазор мард аз сибти Яҳудо буданд+.
[5] Ва Шоул ба шаҳри Амолеқ расида, дар водӣ камин ниҳод.
[6] Ва Шоул ба қениён гуфт: «Биравед, фурӯд оед, аз миёни
амолеқиён дур шавед, мабодо шуморо бо онҳо несту набуд намоям,
ва ҳол он ки шумо ба тамоми банӣ-Исроил, вақте ки онҳо аз Миср
баромаданд, хайрхоҳӣ кардаед». Ва қениён аз миёни Амолеқ дур
шуданд+.
[7] Ва Шоул Амолеқро аз Ҳавило то роҳи самти Шур, ки пеш аз Миср
аст, торумор намуд+.
[8] Ва подшоҳи Амолеқ — Аҷаҷро зинда дастгир кард, ва тамоми
қавмашро ба дами шамшер кушт+.
[9] Вале Шоул ва қавм Аҷаҷро, ва беҳтарин бузу гӯсфандон ва говон
ва парвориён ва қӯчқорони фарбеҳ ва ҳар чизи хубро дареғ дошта,
нахостанд талаф намоянд, ва фақат ҳар моли хароб ва камқиматро
несту нобуд карданд.
[10] Ва каломи Худованд бар Самуил нозил шуда, гуфт:+
[11] «Пушаймонам, ки Шоулро подшоҳ кардам, зеро ки ӯ аз
пайравии Ман рӯй тофта, суханони Маро ба ҷо наовард». Ва Самуил
ба хашм омада, тамоми шаб сӯи Худованд истиғоса бурд.
[12] Ва бомдодон Самуил бармаҳал бархоста, ба пешвози Шоул рафт;
ва ба Самуил хабар дода, гуфтанд, ки Шоул ба Кармил ворид шуд, ва
инак, барои худ сутуне барпо кард, ва давр зада гузашту ба Ҷилҷол
фурӯд омад+.

[13] Ва Самуил назди Шоул омад, ва Шоул ба ӯ гуфт: «Туро Худованд
баракат диҳад! Ман каломи Худовандро ба ҷо овардам».
[14] Ва Самуил гуфт: «Пас, ин баъ-баи гӯсфандон, ки ба гӯшам
мерасад, ва маъоси говон, ки мешунавам, чист?»
[15] Ва Шоул гуфт: «Инҳоро аз Амолеқ оварданд, зеро ки қавм
беҳтарин бузу гӯсфандон ва говонро дареғ доштанд, то ки барои
Худованд Худои ту қурбонӣ кунанд; вале боқии онро мо несту нобуд
сохтем».
[16] Ва Самуил ба Шоул гуфт: «Сабр кун, то он чиро, ки Худованд
имшаб ба ман гуфт, ба ту баён намоям». Ва ӯ ба вай гуфт: «Бигӯ».
[17] Ва Самуил гуфт: «Оё ту дар назари худ хурд набудӣ, вақте ки
сардори сибтҳои Исроил шудӣ, ва Худованд туро бар Исроил ба
подшоҳӣ тадҳин намуд?
[18] Ва Худованд туро ба роҳе равона намуда, гуфта буд: „Рафта, ин
амолеқиёни гуноҳкорро торумор намо, ва бо онҳо ҷанг кун, то даме
ки онҳоро тамоман несту нобуд созӣ“.
[19] Пас, чаро овози Худовандро нашнидӣ, балки ба ғанимат
дарафтода, он чиро, ки дар назари Худованд бад аст, ба амал
овардӣ?»
[20] Ва Шоул ба Самуил гуфт: «Ман, охир, овози Худовандро
шунидам, ва ба роҳе ки Худованд маро равона кард, рафтам, ва
подшоҳи Амолеқ — Аҷаҷро овардам, ва Амолеқро торумор сохтам.
[21] Валекин қавм аз ғанимати бузу гӯсфандон ва говон, яъне
беҳтарини он чиро, ки ҳаром шуда буд, гирифтанд, то ки барои
Худованд Худои ту дар Ҷилҷол қурбонӣ кунанд».
[22] Ва Самуил гуфт:
«Оё барои Худованд курбониҳои сӯхтанӣ ва забҳҳо ончунон матлуб
аст,
чунон ки шунидани овози Худованд?
Шунидан, охир, аз забҳ хубтар аст,
ва гӯш андохтан — аз чарбуи кӯчқорон+.
[23] Зеро ки беитоатӣ мисли гуноҳи ҷодугарист,
ва муқобилият — мисли бутпарастӣ.
Азбаски ту каломи Худовандро рад кардӣ,
Ӯ низ туро аз подшоҳӣ рад кард»+.

24 Ва Шоул ба Самуил гуфт: «Ман гуноҳ кардам, зеро ки аз
фармони Худованд ва аз суханони ту берун баромадам, чунки аз
қавм тарсида, овози онҳоро шунидам.
25 Ва алҳол, лутфан, гуноҳи маро афв намо, ва бо ман баргард, то
ки Худовандро ибодат намоям».
26 Ва Самуил ба Шоул гуфт: «Бо ту нахоҳам баргашт, зеро ки ту
каломи Худовандро рад кардаӣ, Худованд низ туро рад кард, то ки
бар Исроил подшоҳ набошӣ».
27 Ва Самуил тоб хӯрд, то ки равона шавад; вале Шоул домани
ҷомаи ӯро дошт, ва он пора шуд+.
28 Ва Самуил ба вай гуфт: «Худованд имрӯз подшоҳии Исроилро аз
ту пора кард, ва онро ба ёри ту, ки аз ту беҳтар бошад, медиҳад+.
29 Ва низ Ҷалоли Исроил дурӯғ намегӯяд ва аз қавли Худ
намегардад, зеро ки Ӯ одамизод нест, ки аз қавлаш гардад»+.
30 Ва вай гуфт: «Гуноҳ кардам; алҳол, лутфан, маро ба ҳузури
пирони қавмам ва ба ҳузури Исроил иззат намо, ва бо ман баргард,
то ки Худованд Худои туро ибодат кунам».
31 Ва Самуил аз ақиби Шоул баргашт, ва Шоул Худовандро ибодат
кард.
32 Ва Самуил гуфт: «Подшоҳи Амолеқ — Аҷаҷро назди ман биёред».
Ва Аҷаҷ назди ӯ омад, дар ҳолате ки занҷирбанд буд; ва Аҷаҷ гуфт:
«Яқин аст, ки талхии марг пеш меояд».
33 Ва Самуил гуфт: «Чунон ки шамшери ту занонро аз
фарзандонашон маҳрум кардааст,ончунон модари ту аз миёни занон
аз фарзанди худ маҳрум хоҳад шуд». Ва Самуил Аҷаҷро ба ҳузури
Худованд дар Ҷилҷол пора-пора кард.
34 Ва Самуил ба Ромо рафт; ва Шоул ба хонаи худ ба Ҷибъои Шоул
рафт.
35 Ва Самуил то рӯзи мурданаш Шоулро дигар надид, зеро ки
барои Шоул мотам гирифта буд; ва Худованд пушаймон шуд, ки
Шоулро бар Исроил подшоҳ кард+.

## Ба подшоҳӣ интихоб шудани Довуд.

**16** [1] Ва Худованд ба Самуил гуфт: «То ба кай ту барои Шоул
мотам мегирӣ? Ман, охир, ӯро аз подшоҳӣ кардан бар Исроил
рад намудаам. Шохи худро аз равған пур карда, бирав: Ман туро
назди Йисои байтлаҳмӣ мефиристам, зеро ки аз миёни писаронаш
барои Худ подшоҳ пайдо кардаам»+.
[2] Ва Самуил гуфт: «Чӣ гуна биравам? Агар Шоул бишнавад, маро
хоҳад кушт». Худованд гуфт: «Гӯсолае бо худ бигир, ва бигӯй:
„Омадаам, то ки барои Худованд қурбонӣ кунам“.
[3] Ва Йисойро ба қурбонӣ даъват намо, ва Ман ба ту маълум хоҳам
кард, ки чӣ бояд бикунӣ, ва ту касеро, ки ба ту бигӯям, барои Ман
тадҳин хоҳӣ намуд».
[4] Ва Самуил он чиро, ки Худованд гуфта буд, ба амал оварда, ба
Байт-Лаҳм омад; ва пирони шаҳр ба пешвози ӯ шитофта, гуфтанд:
«Хайра мақдам!»
[5] Гуфт: «Ассалом! Омадаам, то ки барои Худованд қурбонӣ кунам.
Худро тақдис намуда, бо ман ба қурбонӣ биёед». Ва ӯ Йисой ва
писаронашро тақдис кунонид, ва онҳоро ба қурбонӣ даъват намуд+.
[6] Ва ҳангоме ки онҳо омаданд, ӯ Элиобро дида, дар дили худ гуфт:
«Яқинан, масеҳи Худованд ба ҳузури ӯст»+.
[7] Вале Худованд ба Самуил гуфт: «Ба қиёфааш ва қомати баландаш
назар наандоз, чунки Ман ӯро хуш накардаам; он чи одам мебинад,
ҳеҷ аст, зеро одам фақат он чиро, ки ба чашм намоён аст, мебинад,
вале Худованд он чиро, ки дар дил аст, мебинад»+.
[8] Ва Йисой Абинодобро хонда, аз пеши Самуил гузаронид, вале ӯ
гуфт: «Инро низ Худованд интихоб накардааст».
[9] Ва Йисой Шамморо гузаронид; вале ӯ гуфт: «Инро ҳам Худованд
интихоб накардааст»+.
[10] Ва Йисой ҳафт писарашро аз пеши Самуил гузаронид; вале
Самуил ба Йисой гуфт: «Худованд инҳоро нитихоб накардааст».
[11] Ва Самуил ба Йисой гуфт: «Оё дигар писар надорӣ?» Вай гуфт:
«Боз писари хурдӣ ҳаст, ки ӯ рамаро мечаронад». Ва Самуил ба
Йисой гуфт: «Фиристода, ӯро биёр, зеро ки то ӯ ба ин ҷо набиёяд, ба
сари суфра нахоҳем нишаст».

## Довудро тадхин кардани Самуил.

12 Ва фиристода, ӯро оваронид. Ва ӯ сурхрӯ буда, чашмони зебо ва
чеҳраи некӯ дошт. Ва Худованд гуфт: «Бархоста, ӯро тадҳин намо,
зеро ки ҳамин аст».
13 Ва Самуил шохи равғанро гирифта, ӯро дар миёни бародаронаш
тадҳин намуд, ва Рӯҳи Худованд аз он рӯз ва баъд аз он бар Довуд
нозил шуд. Ва Самуил бархоста, ба Ромо рафт+.
14 Валекин Рӯҳи Худованд аз Шоул дур шуд; ва рӯҳи баде аз ҷониби
Худованд ӯро ба изтироб меандохт+.
15 Ва навкарони Шоул ба ӯ мегуфтанд: «Инак, рӯҳи баде аз ҷониби
Худованд туро ба изтироб меандозад.

## Довуд назди Шоул даъват карда шуд.

16 Бигзор оғои мо ба навкарони худ, ки ба ҳузури ту мебошанд,
амр фармояд, ки барбатнавози моҳиреро пайдо кунанд; ва ҳар гоҳ
бар ту рӯҳи баде аз ҷониби Худованд биёяд, вай бо дасташ бинавозад,
ва аҳволат беҳтар хоҳад шуд».
17 Ва Шоул ба навкаронаш гуфт: «Касеро, ки ба навохтан моҳир
бошад, барои ман пайдо карда, назди ман биёред»+.
18 Ва яке аз навкарон ба ӯ ҷавоб гардонида, гуфт: «Инак, ман
писари Йисои байтлаҳмиро дидаам, ки ба навохтан моҳир, ва
шердил, ва марди ҷангӣ, ва хушзабон, ва зеботалъат мебошад, ва
Худованд бо ӯст».
19 Ва Шоул қосидонро назди Йисой фиристода, гуфт: «Писарат
Довудро, ки бо рама аст, назди ман бифирист».
20 Ва Йисой бар харе нон, ва машки шароб, ва як бузғола бор карда,
ба воситаи писараш Довуд назди Шоул фиристод.
21 Ва Довуд назди Шоул омада, ба ҳузури ӯ биистод; ва Шоул варо
бағоят дӯст дошт, ва Довуд силоҳбардори ӯ гардид.
22 Ва Шоул назди Йисой фиристода, гуфт: «Бигзор Довуд ба ҳузури
ман бимонад, зеро ки вай ба назари ман писанд омад».
23 Ва чун рӯҳ аз ҷониби Худо бар Шоул меомад, Довуд барбатро
гирифта, бо дасташ менавохт; ва Шоул роҳат карда, аҳволаш беҳтар
мешуд, ва рӯҳи бад ӯро тарк мекард.

## Ситезаи Ҷолъёт дар ҳаққи Исроил.

**17** 1 Ва фалиштиён лашкари худро барои ҷанг фароҳам оварда, дар Сӯхӯ, ки дар кишвари Яҳудо воқеъ аст, ҷамъ шуданд, ва дар миёни Сӯхӯ ва Азеқо дар Эфес-Дамим ӯрду заданд+.

2 Ва Шоул ва исроилиён ҷамъ шуда, дар водии Эло ӯрду заданд, ва барои ҷанг ба муқобили фалиштиён тайёр шуданд.

3 Ва фалиштиён бар кӯҳ аз ин тараф меистоданд, ва исроилиён бар кӯҳ аз тарафи дигар меистоданд, ва дарае дар миёни онҳо буд.

4 Ва аз ӯрдуи фалиштиён Ҷолъёт ном марди паҳлавон, ки аз Ҷат буд, берун омад; қоматаш шаш зироъ ва як ваҷаб буд+.

5 Ва хӯди мисин ба сараш дошт, ва зиреҳи пулакчадоре ӯ дар бар карда буд; ва вазни зиреҳи ӯ панҷ ҳазор сиқл мис буд.

6 Ва бар соқҳояш соқбандҳои мисин, ва дар миёни китфҳояш мизроқи мисин буд.

7 Ва дастаи найзааш мисли наварди бофандагӣ, ва теғи найзааш шашсад сиқл оҳан буд; ва сипарбардораш пешопеши ӯ мерафт+.

8 Ва ӯ истода, ба фавҷҳои Исроил хитоб намуд, ва ба онҳо гуфт: «Чаро барои ҷанг саф ороста берун омадаед? Ман, охир, фалиштӣ ҳастам, ва шумо — навкарони Шоул. Барои худ касеро интихоб кунед, то ки назди ман фурӯд ояд+.

9 Агар вай тавонад бо ман ҷангида, маро бикушад, мо бандагони шумо хоҳем шуд; вале агар ман бар вай ғолиб омада, варо бикушам, шумо бандагони мо шуда, хизмати моро ба ҷо хоҳед овард».

10 Ва фалиштӣ гуфт: «Ман имрӯз фавҷҳои Исроилро таҳқир намудам; пас, касеро ба ман бидиҳед, то ки бо ҳам ҷанг кунем».

11 Ва Шоул ва тамоми Исроил ин суханони фалиштиро шуниданд, ва воҳима карда, бағоят ҳаросон шуданд.

12 Ва Довуд писари он марди эфротӣ, аз Байт-Лаҳми Яҳудо буд, ки номаш Йисой буда, ҳашт писар дошт; ва он мард дар айёми Шоул дар миёни мардум пир ва солхӯрда буд.

13 Ва се писари калонии Йисой равона шуда, аз ақиби Шоул ба ҷанг рафтанд; ва номи се писари вай, ки ба ҷанг рафта буданд, чунин буд: нахустзодааш Элиоб, ва дуюмаш Абинодоб ва сеюмаш Шаммо+.

14 Ва Довуд писари хурдӣ буд; ва се писари калонӣ аз ақиби Шоул рафта буданд.

## Довуд назди лашкари Шоул меояд.

15 Ва Довуд аз пеши Шоул омаду рафт мекард, то ки рамаи
падарашро дар Байт-Лаҳм бичаронад.
16 Ва он фалиштӣ ҳар субҳ ва шом пайдо мешуд, ва чил рӯз худро
нишон дод.
17 Ва Йисой ба писараш Довуд гуфт: «Лутфан, барои бародаронат
як эфа аз ин хӯшабирьён ва даҳто аз ин нон бигир, ва ба ӯрдугоҳ
назди бародаронат шитоб намо.
18 Ва ин даҳ қурс панирро барои мириҳазор бибар; ва саломатии
бародаронатро бипурс, ва аз онҳо нишоние бигир»+.
19 Ва Шоул, ва онҳо, ва ҳамаи мардони Исроил дар водии Эло буда,
бо фалиштиён меҷангиданд.
20 Ва Довуд бомдодон бармаҳал бархоста, рамаро ба қаровуле
вогузошт, ва борашро гирифта, чунон ки Йисой амр фармуда буд,
равона шуд; ва ба сангари гирдаи ӯрду вақте расид, ки лашкар берун
омада саф мебастанд ва барои ҷанг наъра мезаданд.
21 Ва сафҳои исроилиён ва фалиштиён ба муқобили якдигар
меистоданд.
22 Ва Довуд ашьёеро, ки дошт, назди посбони ашьё гузошта, сӯи
сафҳои лашкар давида омад, ва саломатии бародаронашро пурсид.
23 Ва ҳангоме ки ӯ бо онҳо гуфтугӯ мекард, инак, он марди
паҳлавон, ки Ҷольёти фалиштӣ ном дошта, аз аҳли Ҷат буд, аз миёни
сафҳои фалиштиён баромада, ҳамон суханонро гуфт, ва Довуд
шунид.
24 Ва ҳамаи мардони Исроил он мардро дида, аз вай мегурехтанд
ва бағоят ҳаросон мешуданд.
25 Ва мардони Исроил мегуфтанд: «Оё ин мардро, ки мебарояд,
дидед? Вай мебарояд, ки Исроилро таҳқир намояд. Ва агар ягон кас
варо бикушад, подшоҳ ӯро бо сарвати бисьёр сарватманд хоҳад
гардонид, ва духтари худро ба ӯ ба занӣ хоҳад дод, ва хонадони
падари ӯро дар Исроил озод хоҳад кард»+.
26 Ва Довуд ба касоне ки назди ӯ истода буданд, гуфт: «Ба шахсе ки
ин фалиштиро бикушад ва нангро аз Исроил дур созад, чӣ хоҳад шуд?
Зеро ин фалиштии номахтун кист, ки лашкарҳои Худои Ҳайро
таҳқир намояд?»

27 Ва қавм ба ӯ он суханонро баён намуда, гуфтанд: «Ба шахсе ки
варо бикушад, чунин хоҳад шуд».
28 Ва ҳангоме ки ӯ бо мардум гуфтугӯ мекард, бародари калонии ӯ
Элиоб шунид, ва хашми Элиоб бар Довуд аланга зада, гуфт: «Чаро ба
ин ҷо фурӯд омадӣ? Ва он рамаи камеро дар биёбон назди кӣ
гузоштӣ? Ман густохӣ ва шарорати дили туро медонам: ту барои
тамошои ин ҷанг фурӯд омадаӣ».
29 Ва Довуд гуфт: «Ман чӣ кардаам? Фақат сухане гуфтаам».
30 Ва аз пеши вай ба тарафи шахси дигаре тоб хӯрда, ҳамон
суханро гуфт; ва қавм ба ӯ ҷавоб гардонида, ҳамон сухани аввaларо
гуфтанд.

## Ғалабаи Довуд бар Ҷольёт.

31 Ва суханоне ки Довуд гуфт, шунида шуд, ва ба Шоул хабар
расониданд, ва ӯ варо назди худ оваронид.
32 Ва Довуд ба Шоул гуфт: «Бигзор касе аз боиси вай аз рӯҳ
наафтад! Бандаат рафта, бо он фалиштӣ ҷанг мекунад».
33 Ва Шоул ба Довуд гуфт: «Ту наметавонӣ ба муқобили он
фалиштӣ биравӣ, то ки бо вай ҷанг кунӣ, зеро ки ту ҷавон ҳастӣ, ва
ҳол он ки вай аз ҷавониаш марди ҷангӣ будааст».
34 Ва Довуд ба Шоул гуфт: «Бандаат рамаи падари худро
мечаронид, ва ҳангоме ки шер ё хирсе омада, барраеро аз рама
мерабуд,
35 Ман аз ақиби он берун омада, онро мекуштам ва аз даҳонаш
раҳо мекардам, ва агар он ба ман ҳуҷум меовард, ман мӯи
жӯлидаашро дошта, онро мезадам ва мекуштам.
36 Бандаат ҳам шер ва ҳам хирсро куштааст, ва ин фалиштии
номахтун мисли яке аз онҳо хоҳад шуд, зеро ки лашкарҳои Худои
Ҳайро таҳқир кардааст».
37 Ва Довуд гуфт: «Худованд, ки маро аз чанголи шер ва аз чанголи
хирс раҳоӣ додааст, аз дасти ин фалиштӣ низ раҳоӣ хоҳад дод». Ва
Шоул ба Довуд гуфт: «Бирав, ва Худованд бо ту бод».
38 Ва Шоул либоси худро ба Довуд пӯшонид, ва хӯди мисин ба сари
ӯ ниҳод, ва зиреҳ ба ӯ пӯшонид.
39 Ва Довуд шамшери варо аз болои либоси худ баст, ва хост каме
роҳ равад, зеро ки одат накарда буд. Ва Довуд ба Шоул гуфт: «Бо ин

чизҳо наметавонам роҳ равам, зеро ки одат накардаам». Ва Довуд
онҳоро аз тани худ кашид.
40 Ва таёқашро ба дасташ гирифта, ва барои худ аз даруни ҷӯй панҷ
санги силиқро хуш кард, ва онҳоро дар кӯлборе ки дошт, яъне дар
анбони худ гузошт, ва фалахмонаш дар дасташ буд; ва ба фалиштӣ
наздик шудан гирифт.
41 Ва фалиштӣ низ роҳ гашта, ба Довуд наздик мешуд, ва
сипарбардораш пешопеши ӯ равона буд.
42 Ва фалиштӣ назар андохта, Довудро дид, ва аз ӯ нафрат кард,
зеро ки ҷавони сурхрӯ буда, чеҳраи некӯ дошт.
43 Ва фалиштӣ ба Довуд гуфт: «Оё ман саг ҳастам, ки бо таёқе
назди ман меоӣ?» Ва фалиштӣ Довудро бо худоёни худ лаънат кард.
44 Ва фалиштӣ ба Довуд гуфт: «Назди ман биё, то гӯшти баданатро
ба мурғони ҳаво ва даррандагони саҳро бидиҳам»+.
45 Ва Довуд ба фалиштӣ гуфт: «Ту бо шамшер ва найза ва мизроқ
бар ман меоӣ, валекин ман бо исми Худованди лашкарҳо, Худои
фавҷҳои Исроил, ки Ӯро таҳқир намудаӣ, бар ту меоям+.
46 Имрӯз Худованд туро ба дасти ман хоҳад супурд, ва ман туро
кушта, каллаатро аз танат ҷудо хоҳам кард, ва лошаҳои ӯрдуи
фалиштиёнро имрӯз ба мурғони ҳаво ва даррандагони замин хоҳам
дод, то тамоми аҳли замин бидонанд, ки дар Исроил Худо ҳаст+.
47 Ва тамоми ни ҷамоат хоҳанд донист, ки Худованд на бо шамшер
ва найза наҷот медиҳад, балки ин ҷанги Худованд аст, ва Ӯ шуморо
ба дасти мо хоҳад супурд»+.
48 Ва ҳангоме ки фалиштӣ бархост ва равона шуда, ба Довуд
наздик омадан гирифт, Довуд шитоб намуда, сӯи лашкар ба пешвози
фалиштӣ давид.
49 Ва Довуд дасташро ба кӯлбор бурд, ва аз он ҷо санге гирифта, бо
фалахмон андохт, ва ба пешонии фалиштӣ зад; ва санг ба пешонии
вай ғӯтида, вай рӯй бар замин фурӯ ғалтид.
50 Ва Довуд, ки бо фалахмон ва санг мусаллаҳ буд, аз фалиштӣ зӯр
баромад, ва фалиштиро зада кушт; ва дар дасти Довуд шамшер
набуд+.
51 Ва Довуд давида, назди фалиштӣ биистод, ва шамшери варо
гирифта, аз ғилофаш кашид, ва ӯро кушта, каллаашро аз танаш ҷудо

кард; ва фалиштиён мурдани паҳлавонашонро дида, рӯй ба гурез
оварданд.
52 Ва мардони Исроил ва Яҳудо бархостанд, ва наъра зада,
фалиштиёнро то даромадгоҳи дара ва то дарвозаи Экрӯн
дунболагирӣ карданд; ва шаҳидони фалиштиён дар роҳи Шаароим то
Ҷат ва Экрӯн фурӯ меғалтиданд+.
53 Ва банӣ-Исроил аз дунболагирии фалиштиён баргаштанд, ва
ӯрдугоҳи онҳоро тороҷ карданд.
54 Ва Довуд каллаи фалиштиро гирифта, ба Ерусалим овард, ва
аслиҳаи варо дар хаймаи худ гузошт+.
55 Ва ҳангоме ки Шоул Довудро дид, ки ба муқобили фалиштӣ
берун меояд, ба сардори лашкараш Абнир гуфт: «Эй Абнир, ин ҷавон
писари кист?» Ва Абнир гуфт: «Эй подшоҳ, ба ҳаёти ту қасам, ки
намедонам»+.
56 Ва подшоҳ гуфт: «Пас ту бипурс, ки ин амрад писари кист».
57 Ва чун Довуд баъд аз куштани фалиштӣ баргашт, Абнир ӯро
гирифта, назди Шоул овард, дар сурате ки каллаи фалиштӣ дар
дасташ буд.
58 Ва Шоул ба ӯ гуфт: «Эй ҷавон, ту писари кистӣ?» Ва Довуд гуфт:
«Писари бандаат Йисои байтлахмӣ ҳастам».

## Аҳди дӯстӣ дар миёни Довуд ва Йӯнотон.

18 [1] Ва ҳангоме ки гуфтугӯи ӯ бо Шоул ба анҷом расид, ҷони
Йӯнотон бо ҷони Довуд пайваста шуд, ва Йӯнотон ӯро мисли
ҷони худ дӯст дошт+.
[2] Ва Шоул ӯро дар он рӯз гирифта, нагузошт, ки ба хонаи падараш
баргардад.
[3] Ва Йӯнотон бо Довуд аҳд баст, чунки ӯро мисли ҷони худ дӯст
дошта буд.
[4] Ва Йӯнотон ҷомаеро, ки бар танаш буд, кашида ба Довуд дод, ва
либоси ҳарбияш ва ҳатто шамшераш ва камонаш ва камарбандашро
низ.
[5] Ва Довуд берун омада, дар ҳар ҷое ки Шоул ӯро мефиристод,
комьёб мегардид; ва Шоул ӯро бар ҷанговарон сардор таъин намуд,
ва ин дар назари тамоми қавм ва дар назари фармонбарони Шоул
низ писанд омад.
[6] Ва ҳангоме ки онҳо меомаданд, яъне вақте ки Довуд аз куштани
фалиштӣ бармегашт, занон аз ҳамаи шаҳрҳои Исроил бо дафҳо, бо
садоҳои шодӣ ва бо сеторҳо, сурудхонон ва рақскунон, ба пешвози
подшоҳ Шоул берун меомаданд+.
[7] Ва занон тараб намуда, месуруданду мегуфтанд:
«Шоул ҳазорҳоро мағлуб кард,
вале Довуд — беварҳоро!*»+
[8] Ва Шоул бағоят хашмгин шуд, ва ин сухан ба назараш бад
намуда, гуфт: «Ба Довуд беварҳоро нисбат додаанд, вале ба ман
ҳазорҳоро нисбат додаанд; ӯро акнун фақат подшоҳӣ кам аст».
[9] Ва аз он рӯз эътиборан, ва минбаъд, Шоул ба Довуд назари бад
дошт.
[10] Ва фардои он, рӯҳи баде аз ҷониби Худованд бар Шоул ҷорӣ
гардида, ӯ андаруни хона ба ҷӯшу хурӯш омад, ва Довуд мисли
ҳаррӯза бо дасташ менавохт; ва найзае дар дасти Шоул буд+.
[11] Ва Шоул найзаро андохта, ба дилаш гуфт: «Довудро зада, ба
девор медӯзам». Вале Довуд ду карат худро аз пеши ӯ канор кашид.
[12] Ва Шоул аз Довуд метарсид, зеро ки Худованд бо ӯ буд, вале аз
Шоул дур шуда буд.

13 Ва Шоул ӯро аз пеши худ дур сохт, ва ӯро мириҳазор таъин
намуд, ва ӯ пеши қавм даробаро мекард.
14 Ва Довуд дар ҳамаи роҳҳои худ комьёб мешуд, ва Худованд бо ӯ
буд+.
15 Ва чун Шоул дид, ки ӯ бағоят комьёб аст, аз ӯ ҳаросон шуд.
16 Ва тамоми Исроил ва Яҳудо Довудро дӯст медоштанд, зеро ки ӯ
пеши онҳо даробаро мекард.
17 Ва Шоул ба Довуд гуфт: «Инак духтари калонии худ Мерабро ба
ту ба занӣ медиҳам, фақат ин ки барои ман ҷанговари далер бош, ва
ҷангҳои Худовандро бибар». Ва Шоул ба дили худ гуфт: «Бигзор
дасти ман бар ӯ набошад, балки дасти фалиштиён бошад»+.
18 Ва Довуд ба Шоул гуфт: «Ман кистам, ва ҳаёти ман ва хонадони
падари ман дар Исроил чист, ки домоди подшоҳ бошам?»+
19 Вале вақте ки духтари Шоул Мераб мебоист ба Довуд дода
мешуд, вай ба Адриили меҳӯлотӣ ба занӣ дода шуд+.

## Довуд духтари Шоул Микалро ба занӣ мегирад.

20 Ва духтари Шоул Микал Довудро дӯст дошт; ва ҳангоме ки инро
ба Шоул хабар доданд, ин ба назари ӯ писанд омад.
21 Ва Шоул ба дили худ гуфт: «Варо ба ӯ медиҳам, ва барои ӯ вай
дом хоҳад шуд, ва дасти фалиштиён бар ӯ хоҳад буд». Ва Шоул ба
Довуд гуфт: «Ба воситаи дуюмаш ту имрӯз домоди ман хоҳӣ шуд».
22 Ва Шоул ба навкарони худ амр фармуд: «Ба Довуд пинҳонӣ
сухан ронда, бигӯед: „Инак, ҳусни таваҷҷӯҳи подшоҳ бар туст, ва
ҳамаи навкаронаш туро дӯст медоранд; ва алҳол домоди подшоҳ
шав“».
23 Ва навкарони Шоул ин суханонро ба гӯши Довуд расониданд, ва
Довуд гуфт: «Оё дар назари шумо домоди подшоҳ шудан осон аст? Ва
ҳол он ки ман шахси бенаво ва ҳақирам».
24 Ва навкарони Шоул ба ӯ хабар дода, гуфтанд: «Довуд чунин
суханонро гуфт».
25 Ва Шоул гуфт: «Ба Довуд чунин бигӯед: „Подшоҳ маҳрро
талабгор нест, магар ки сад ғилофаки фалиштиёнро, то ки аз
душманони подшоҳ интиқом ситонида шавад“». Ва Шоул дар чунин
фикре буд, ки Довудро бо дасти фалиштиён ба ҳалокат бирасонад+.

26 Ва навкарони ӯ ин суханонро ба Довуд расониданд, ва ин дар
назари Довуд писанд омад, ки домоди подшоҳ гардад. Ва мӯҳлати он
ҳанӯз пур нашуда буд.
27 Ва Довуд бархоста, бо одамонаш рафт, ва дусад нафарро аз
фалиштиён кушт, ва ғилофакҳошонро Довуд овард, ва онҳоро ба
миқдори пурра ба подшоҳ пешниҳод карданд, то ки домоди подшоҳ
гардад; ва Шоул духтараш Микалро ба ӯ ба занӣ дод.
28 Ва Шоул дид ва фаҳмид, ки Худованд бо Довуд аст; ва духтари
Шоул Микал ӯро дӯст медошт.
29 Ва Шоул боз ҳам зиёдтар аз Довуд тарсид, ва Шоул ҳама вақт
душмани Довуд буд.
30 Ва сарварони фалиштиён берун меомаданд; ва ҳар бор, ки онҳо
берун меомаданд, Довуд аз ҳамаи фармонбарони Шоул бештар
комьёб мешуд, ва номи ӯ бағоят шӯҳрат пайдо кард.

## Суиқасди сеюми Шоул барои куштани Довуд.

19 [1] Ва Шоул ба писараш Йӯнотон ва ба ҳамаи навкаронаш гуфт,
ки мехоҳад Довудро бикушад; вале Йӯнотон ибни Шоул Довудро
бағоят дӯст медошт.
[2] Ва Йӯнотон ба Довуд хабар дода, гуфт: «Падарам Шоул мехоҳад
туро бикушад; ва алҳол, лутфан, бомдодон барҳазар бош, ва дар ҷои
махфие пинҳон шав.
[3] Ва ман берун омада, дар саҳрое ки ту дар он бошӣ, ба паҳлуи
падарам хоҳам истод, ва дар бораи ту бо падарам гуфтугӯ хоҳам
кард, ва он чи бубинам, ба ту хабар хоҳам дод».
[4] Ва Йӯнотон ба падараш Шоул дар бораи Довуд суханони некӯ ба
забон ронда, ба вай гуфт: «Бигзор подшоҳ дар ҳаққи бандаи худ
Довуд гуноҳ накунад, зеро ки ӯ пеши ту гуноҳе накардааст, балки
аъмоли ӯ барои ту бағоят хуб аст;
[5] Ва ӯ ҷонашро ба кафи дасташ гирифта, он фалиштиро кушт, ва
Худованд наҷоти бузурге барои тамоми Исроил ба амал овард, ва ту
инро дида, шод гаштӣ; пас чаро ту мехоҳӣ дар ҳаққи хуни бегуноҳе
гуноҳ карда, Довудро беҳуда бикушӣ?»+
[6] Ва Шоул ба овози Йӯнотон гӯш андохт, ва Шоул қасам хӯрд: «Ба
ҳаёти Худованд қасам, ки ӯ кушта нахоҳад шуд».
[7] Ва Йӯнотон Довудро хонд, ва Йӯнотон ҳамаи ин суханонро ба ӯ
хабар дод; ва Йӯнотон Довудро назди Шоул овард, ва ӯ мисли дирӯз
ва парирӯз дар ҳузури вай буд.
[8] Ва боз ҷанг рӯй дод, ва Довуд берун омада, бо фалиштиён ҷанг
кард, ва ба онҳо шикасти бузурге расонид, ва онҳо аз пеши ӯ
гурехтанд.
[9] Ва рӯҳи бад аз ҷониби Худованд бар Шоул нозил шуд, ва ӯ дар
хонаи худ нишаста, найзаашро дар дасташ нигоҳ медошт; ва Довуд бо
дасти худ барбат мехавохт+.
[10] Ва Шоул мехост, ки Довудро бо найза зада, ба девор бидӯзад,
вале ӯ худро аз пеши Шоул канор кашид, ва найза ба девор бархӯрд,
ва Довуд он шаб гурехта, раҳоӣ ёфт.
[11] Ва Шоул қосидонро ба хонаи Довуд фиристод, то ки камин
гирифта, субҳидам ӯро бикушанд; ва занаш Микал ба Довуд сухан

ронда, гуфт: «Агар ту имшаб ҷони худро халос накунӣ, фардо кушта
хоҳӣ шуд»+.
12 Ва Микал Довудро аз тиреза фурӯд овард, ва ӯ равона шуда,
гурехт ва раҳоӣ ёфт+.
13 Ва Микал трофимро гирифта, бар бистар гузошт, ва пӯсти бузро
гирди каллаи он ниҳода, болои онро бо либосе пӯшонид.
14 Ва Шоул қосидонро фиристод, то ки Довудро бигиранд, вале
Микал гуфт: «Ӯ бемор аст».
15 Ва Шоул қосидонро фиристод, то ки Довудро бубинанд, ва гуфт:
«Ӯро бо бистараш назди ман биёред, то ки ӯро бикушам».
16 Ва қосидон омаданд, ва инак, трофим бар бистар, ва пӯсти буз
гирди каллааш буд.
17 Ва Шоул ба Микал гуфт: «Чаро маро чунин фиреб додӣ, ва
душманамро раҳо кардӣ, то ки бигрезад?» Ва Микал ба Шоул гуфт: «Ӯ
ба ман гуфт: „Маро раҳо намо, вагар на, туро хоҳам кушт“».

## Рӯҳи Худованд Довудро нигаҳбонӣ мекунад.

18 Ва Довуд гурехта, раҳо шуд, ва назди Самуил ба Ромо омада, ҳар
он чиро, ки Шоул дар ҳаққи ӯ карда буд, ба вай ҳикоят намуд; ва ӯ ва
Самуил рафта, дар Ноют сокин шуданд+.
19 Ва ба Шоул хабар расонида, гуфтанд: «Инак, Довуд дар Нояти
Ромо мебошад».
20 Ва Шоул қосидонро фиристод, то ки Довудро бигиранд, ва чун
онҳо тӯдаи анбиёро диданд, ки нубувват мекунанд, ва Самуил истода
бар онҳо сарварӣ менамояд, — Рӯҳи Худо бар қосидони Шоул нозил
шуда, онҳо низ нубувват кардан гирифтанд+.
21 Ва инро ба Шоул хабар доданд, ва ӯ қосидони дигарро фиристод,
вале онҳо низ нубувват кардан гирифтанд. Ва Шоул боз қосидони
сеюмро фиристод, вале онҳо низ нубувват кардан гирифтанд.
22 Худаш низ ба Ромо равона шуд, ва чун ба чоҳи калон, ки дар
Сеху мебошад, расид, савол дода, гуфт: «Самуил ва Довуд куҷоянд?»
Ва касе гуфт: «Инак, дар Нояти Ромо мебошанд».
23 Ва дар он ҷо ӯ ба Нояти Ромо рафт, ва Рӯҳи Худо бар ӯ низ нозил
шуд, ва ӯ нубувваткунон мерафт, то даме ки ба Нояти Ромо расид+.
24 Ва ӯ низ либосҳои худро кашид, ва ӯ низ ба ҳузури Самуил
нубувват кардан гирифт, ва тамоми он рӯз ва тамоми шабаш бараҳна

хобид; бинобар ин мегӯянд: «Оё Шоул низ аз ҷумлаи анбиёст?»+.

## Йӯнотон Довудро тарафдорӣ мекунад.

**20** [1] Ва Довуд аз Ноюти Ромо гурехт, ва пеши Йӯнотон омада,
гуфт: «Чӣ кардаам? Айбам чист, ва пеши падарат чӣ гуноҳ
кардаам, ки ӯ қасди ҷони ман дорад?»+
[2] Вай ба ӯ гуфт: «Ҳошо ва калло, ту нахоҳӣ мурд! Инак, падарам
ҳеҷ як кори бузурге ё хурде намекунад, бе он ки аввал гӯшраси ман
гардонад. Пас чаро падарам ин корро аз ман пинҳон дорад? Ин тавр
нахоҳад шуд».
[3] Ва Довуд боз қасам хӯрда, гуфт: «Падарат ба хубӣ медонад, ки
ман дар назарат илтифот ёфтаам, бинобар ин ба дили худ мегӯяд:
„Бигзор инро Йӯнотон надонад, мабодо ғамгин шавад“. Валекин,
қасам ба ҳаёти Худованд ва қасам ба ҷони ту, ки дар миёни ман ва
мавт як қадам мондааст!»
[4] Ва Йӯнотон ба Довуд гуфт: «Ҳар чи дилат бихоҳад, барои ту
хоҳам кард».
[5] Ва Довуд ба Йӯнотон гуфт: «Инак, фардо навмоҳ аст, ва ман бояд
дар сари суфраи подшоҳ биншинам; вале ту маро изн бидеҳ, ки то
бегоҳии рӯзи сеюм дар саҳро пинҳон шавам;
[6] Агар падарат маро суроғ кунад, ту бигӯ: „Довуд аз ман изн
пурсид, ки ба шаҳри худ Байт-Лаҳм шитоб намояд, зеро ки дар он ҷо
барои тамоми хонадонаш қурбонии солона будааст“;
[7] Агар вай бигӯяд: „Хуб“, — барои бандаат осоиштагӣ хоҳад буд;
вале агар вай хашмгин шавад, бидон, ки вай ба кори баде азм
намудааст;
[8] Пас ту ба бандаи худ эҳсон бикун, зеро ки бандаатро бо худат ба
аҳди Худованд дохил кардаӣ; ва агар гуноҳе дар ман бошад, худат
маро бикуш: барои чӣ маро назди падари худ бибарӣ?»+
[9] Ва Йӯнотон гуфт: «Ҳошо, ки ту чунин гумон кунӣ! Зеро, агар
медонистам, ки бадие бо азми падарам бар ту омаданист, оё туро аз
он хабардор намекардам?»
[10] Ва Довуд ба Йӯнотон гуфт: «Агар падарат бо дуруштӣ ба ту ҷавоб
гардонад, кист, ки ба ман хабар бирасонад?»
[11] Ва Йӯнотон ба Довуд гуфт: «Биё, ба саҳро бароем». Ва ҳар ду ба
саҳро баромаданд.

12 Ва Йӯнотон ба Довуд гуфт: «Қасам ба исми Худованд Худои
Исроил, ки падарамро фардо ё пасфардо дар ҳамин вақт хоҳам
озмуд, ва чун бубинам, ки назараш ба Довуд нек аст, наход ки ман
назди ту фиристода, гӯшраси ту нагардонам?
13 Худованд ба Йӯнотон чунин ва зиёда аз ин бикунад! Агар
падарам барои худ салоҳ бинад, ки бадие ба сари ту биёрад, ман
гӯшраси ту гардонида, туро раҳо хоҳам кард, ва ту ба саломатӣ хоҳӣ
рафт; ва бигзор Худованд бо ту бошад, чунон ки бо падарам буд!
14 Ва на танҳо дар замоне ки ҳанӯз зинда бошам, эҳсони
Худовандро нисбат ба ман ба амал оварӣ, то ки намирам,
15 Балки эҳсони худро аз хонадони ман то абад қатъ накунӣ, ҳатто
дар замоне ки Худованд душманони Довудро саросар аз рӯи замин
барҳам дода бошад»+.
16 Ва Йӯнотон бо хонадони Довуд аҳд баст, ва аз Худованд талабид,
ки Довудро аз дасти душманонаш раҳоӣ диҳад.
17 Ва Йӯнотон бори дигар ба Довуд дар бораи муҳаббате ки ба ӯ
дошт, қасам ёд кард, зеро ки ӯро мисли ҷони худ дӯст медошт+.
18 Ва Йӯнотон ба ӯ гуфт: «Фардо навмоҳ аст; ва туро суроғ хоҳанд
кард, зеро ки ҷои нишасти ту холӣ хоҳад монд.
19 Ва то рӯзи сеюм ту бештар фурӯд омада, ба маконе бирас, ки дар
рӯзи амал дар он ҷо пинҳон шуда будӣ; ва назди санги роҳнамо
бинишин.
20 Ва ман се тир ба тарафи он хоҳам андохт, гӯё ки ба ҳадафе
мезада бошам.
21 Ва инак, навкари худро фиристода, хоҳам гуфт: „Рафта, тирҳоро
биёб“; агар ба навкар бигӯям: „Инак, тирҳо аз ин тарафи туст“,
онҳоро бигир ва назди ман биё, зеро ки барои ту осоиштагист, ва
қасам ба ҳаёти Худованд, ки ба ту зараре нахоҳад расид.
22 Валекин агар ба амрад бигӯям: „Инак, тирҳо аз он тарафи туст“,
— ту бирав, зеро ки Худованд туро раҳо кардааст.
23 Ва дар хусуси он сухане ки ман ва ту ба забон рондем, инак
Худованд дар миёни ман ва ту то абад шоҳид хоҳад буд».
24 Ва Довуд дар саҳро пинҳон шуд. Ва навмоҳ фаро расид, ва
подшоҳ ба сари суфра нишаст.
25 Ва подшоҳ, мисли ҳарвақта, бар нишемангоҳи назди девор
нишаст; ва Йӯнотон бархост, ва Абнир дар паҳлуи Шоул нишаст; ва

ҷои Довуд холӣ монд+.
[26] Ва Шоул дар он рӯз чизе нагуфт, зеро ки ба дили худ гуфт: «Ин
тасодуфист; шояд, вай нопок бошад, зеро ки худро татҳир
нанамудааст»+.
[27] Ва рӯзи дуюми навмоҳ фаро расид, ва ҷои Довуд боз холӣ монд;
ва Шоул ба писараш Йӯнотон гуфт: «Чаро писари Йисой ҳам дирӯз ва
ҳам имрӯз ба сари суфра наомад?»
[28] Ва Йӯнотон ба Шоул ҷавоб гардонид: «Довуд аз ман изн пурсид,
то ки ба Байт-Лаҳм биравад;
[29] Ва ӯ ба ман гуфт: „Лутфан, ба рафтанам изн бидеҳ, зеро ки
хонадони мо дар шаҳр қурбонӣ хоҳанд кард, ва бародарам ба ман
амр фармудааст; ва алҳол, агар дар назарат илтифот ёфта бошам,
ман меравам, то ки бо бародаронам дидорбинӣ намоям“. Бинобар ин
ӯ ба сари суфраи подшоҳ наомадааст».
[30] Ва хашми Шоул бар Йӯнотон аланга зада, ба ӯ гуфт: «Эй
фарзанди занаки саркаши исьёнкор! Ман акнун донистам, ки ту
писари Йисойро барои шармандагии худат ва шармандагии аврати
модарат баргузидаӣ!
[31] Зеро дар тамоми айёме ки писари Йисой бар рӯи замин зинда
бошад, ту пойдор нахоҳӣ буд, ва подшоҳии ту низ; ва алҳол бифирист
ва ӯро дастгир карда назди ман биёр, зеро ки ӯ ба мурдан маҳкум
аст».
[32] Ва Йӯнотон ба падараш Шоул ҷавоб гардонида, ба вай гуфт:
«Чаро ӯ ба мурдан маҳкум будааст? Чӣ кардааст?»
[33] Ва Шоул найзаи худро бар ӯ андохт, то ки ӯро бизанад; ва
Йӯнотон фаҳмид, ки падараш ба таври қатъӣ азм намудааст, ки
Довудро бикушад.
[34] Ва Йӯнотон ба хашм омада аз сари суфра бархост, ва дар рӯзи
дуюми навмоҳ хӯрок нахӯрд, зеро ки барои Довуд ғамгин буд, ва ба
он сабаб, ки падараш ӯро хиҷил карда буд.
[35] Ва бомдодон Йӯнотон дар мӯҳлате ки бо Довуд муайян намуда
буд, ба саҳро баромад, ва амради хурдсоле ҳамроҳаш буд.
[36] Ва ба он амрад гуфт: «Бирав ва тирҳоеро, ки ман меандозам,
биёб». Ҳамин ки амрад давид, ӯ тирро тавре андохт, ки аз вай
онсӯтар гузашта рафт.

[37] Ва чун амрад ба он ҷо, ки Йӯнотон тир андохт, медавид,
Йӯнотон аз ақиби амрад фарьёд зада, гуфт: «Тир, охир, дар он тарафи
туст».
[38] Ва Йӯнотон аз ақиби амрад фарьёд зад: «Шитоб намо! наист!» Ва
амради Йӯнотон тирҳоро ғундошта, назди оғои худ омад.
[39] Ва амрад аз чизе вуқуф надошт, аммо Йӯнотон ва Довуд таги
гапро медонистанд.
[40] Ва Йӯнотон аслиҳаи худро ба амраде ки дар ҳузураш буд, дода,
ба вай гуфт: «Рафта, ба шаҳр бибар».
[41] Вақте ки амрад рафт, Довуд аз тарафи ҷануб бархост, ва бар рӯи
худ ба замин афтода, се карат саҷда бурд; ва онҳо якдигарро бӯсида,
бо ҳамдигар гирья карданд, лекин Довуд бештар гирист.
[42] Ва Йӯнотон ба Довуд гуфт: «Ба саломатӣ бирав. Он чи ҳар дуи мо
ба исми Худованд қасам хӯрда гуфтем, ки бигзор Худованд дар
миёни ман ва ту ва дар миёни насли ман ва насли ту бошад, — то
абад қоим хоҳад буд».
[43] Ва ӯ бархоста, равона шуд, ва Йӯнотон ба шаҳр баргашт.

## Довуд назди Аҳималик пинҳон мешавад.

**21** [1] Ва Довуд ба Нуб назди Аҳималики коҳин омад; ва
Аҳималик бо ошӯбе ба пешвози Довуд шитофта, ба ӯ гуфт: «Чаро
ту танҳо омадаӣ, ва касе бо ту нест?»+
[2] Ва Довуд ба Аҳималики коҳин гуфт: «Подшоҳ ба ман кореро
супурда, ба ман гуфт: „Аз ин кор, ки туро барояш мефиристам, ва аз
он чи ба ту амр фармудаам, бигзор касе ҳеҷ хабардор нашавад“; ва
навкаронро ман дар фалон ҷо гузоштам.
[3] Ва алҳол, агар чизе дар дастат бошад, панҷто нон, ё ҳар чизе ки
ёфт шавад, ба ман бидеҳ».
[4] Ва коҳин ба Довуд ҷавоб гардонида, гуфт: «Нони оддӣ дар дастам
нест, балки нони муқаддас ҳаст, ба шарте ки навкарон аз зан худдорӣ
карда бошанд».
[5] Ва Довуд ба коҳин ҷавоб гардонида, ба вай гуфт: «Рости гап,
дирӯз ва парирӯз, аз рӯзе ки берун омадаам, занон аз мо дур буданд,
ва зарфҳои навкарон муқаддас мебошад, ва агарчи роҳи мо қудсият
надорад, бо вуҷуди он имрӯз нон дар зарфҳо муқаддас хоҳад монд».
[6] Ва коҳин нони муқаддасро ба ӯ дод, зеро ки дар он ҷо ноне
набуд, ҷуз нонҳои тақдим, ки аз пеши Худованд бардошта шуда буд,
то ки дар рӯзи бардоштанаш нонҳои гарм бимонанд+.
[7] Ва дар он ҷо дар он рӯз шахсе аз навкарони Шоул ба ҳузури
Худованд истода буд, ва ӯ Дӯаги адӯмӣ ном дошта, мири рамабонони
Шоул буд+.
[8] Ва Довуд ба Аҳималик гуфт: «Оё ин ҷо дар дастат найзае ё
шамшере ҳаст? Зеро ки ман шамшерам ва яроқи дигарамро низ бо
худ наовардаам, чунки супориши подшоҳ таъҷилӣ буд».
[9] Ва коҳин гуфт: «Инак, шамшери Ҷольёти фалиштӣ, ки варо ту
дар дараи Эло куштӣ, дар қафои эфӯд бо либосе печонида монда
шудааст; агар мехоҳӣ онро барои худ бигирӣ, — бигир, зеро ки ғайр
аз он дар ин ҷо дигаре нест». Ва Довуд гуфт: «Хубтар аз он нест, онро
ба ман бидеҳ»+.
[10] Ва Довуд бархоста, дар он рӯз аз пеши Шоул гурехт, ва назди
Окиш, подшоҳи Ҷат, омад+.
[11] Ва навкарони Окиш ба вай гуфтанд: «Ин, охир, Довуд, подшоҳи
он замин аст; дар бораи ӯ, охир, рақскунон месуруданд: „Шоул

ҳазорҳоро мағлуб кард, вале Довуд — беварҳоро!“»+
[12] Ва Довуд ин суханонро дар дили худ ҷо дод, ва аз Окиш,
подшоҳи Ҷат, бисьёр ҳаросон шуд.
[13] Ва дар назари онҳо рафтори худро тағьир дода, назди онҳо
худро ба девонагӣ зад, ва бар табақаҳои дарвоза нақш мекашид, ва
оби даҳанашро бар ришаш мерехт+.
[14] Ва Окиш ба навкарони худ гуфт: «Инак, шумо мебинед, ки ин
шахс девона аст; пас, чаро варо назди ман овардаед?
[15] Оё ман ба девонагон эҳтиёҷ дорам, ки варо овардаед, то назди
ман девонагӣ кунад? Оё лозим аст, ки ин шахс ба хонаи ман дохил
шавад?»

## Довуд дар атрофаш сарбозонро ҷамъ карда, бо онҳо баромада меравад.

22 [1] Ва Довуд аз он ҷо рафта, ба мағораи Адулом гурехт; ва
бародаронаш ва тамоми хонадони падараш шунида, назди ӯ ба
он ҷо фурӯд омаданд+.
[2] Ва ҳар кӣ дар аҳволи танг буд, ва ҳар кӣ қарзхоҳе дошт, ва ҳар кӣ
талхайш буд, назди ӯ ҷамъ шуданд, ва ӯ саркардаи онҳо гардид; ва
тақрибан чорсад нафар бо ӯ буданд+.
[3] Ва Довуд аз он ҷо ба Мисфои Мӯоб рафт, ва ба подшоҳи Мӯоб
гуфт: «Лутфан, падарам ва модарам назди шумо биёянд, то бидонам,
ки Худо бо ман чӣ хоҳад кард».
[4] Ва онҳоро назди подшоҳи Мӯоб оварда монд, ва онҳо тамоми
айёме ки Довуд дар он паноҳгоҳ буд, назди вай сукунат доштанд.
[5] Ва Ҷоди набӣ ба Довуд гуфт: «Дар ин паноҳгоҳ наист, балки
раҳсипор шуда, ба замини Яҳудо бирав». Ва Довуд рафта, ба ҷангали
Ҳорат расид+.
[6] Ва Шоул шунид, ки Довуд ва одамоне ки бо ӯ ҳастанд, пайдо
шудаанд; ва Шоул дар Ҷибъо, зери дарахти газ, ки бар тал буд,
менишаст, ва найзааш дар дасташ буд, ва ҳамаи фармонбаронаш дар
гирду пешаш меистоданд.
[7] Ва Шоул ба фармонбарони худ, ки дар гирду пешаш истода
буданд, гуфт: «Бишнавед, эй банӣ-Биньёмин! Оё писари Йисой низ ба
ҳамаи шумо киштзорҳо ва токистонҳо хоҳад дод, ва оё ҳамаи шуморо
мириҳазор ва мирисад таъин хоҳад кард,
[8] Ки ҳамаатон бар зидди ман забон як кардаед, ва касе гӯшраси
ман накард, ки писарам бо писари Йисой аҳд бастааст, ва касе аз
шумо ғами маро нахӯрд, ва гӯшраси ман накард, ки писарам бандаи
маро барангехтааст, то ки бар ман камин гирад, чунон ки имрӯз
воқеъ шудааст?»+
[9] Ва Дӯаги адӯмӣ, ки бо фармонбарони Шоул истода буд, ҷавоб
гардонида, гуфт: «Ман писари Йисойро дидам, ки ба Нуб назди
Аҳималик ибни Аҳитуб омад,+
[10] Ва ӯ дар бораи вай аз Худованд пурсид, ва тӯша ба вай дод, ва
шамшери Ҷольёти фалиштиро ба вай дод»+.

11 Ва подшоҳ фиристода, Аҳималик ибни Аҳитуби коҳин ва ҳамаи
коҳинони хонадони падари варо, ки дар Нуб буданд, даъват намуд; ва
ҳамаи онҳо назди подшоҳ омаданд.
12 Ва Шоул гуфт: «Бишнав, эй ибни Аҳитуб!» Вай гуфт: «Лаббай, эй
оғоям».
13 Ва Шоул ба вай гуфт: «Чаро ту ва писари Йисой бар зидди ман
забон як кардаед, ба тавре ки ту ба ӯ нон ва шамшер додаӣ, ва дар
бораи ӯ аз Худо пурсидаӣ, то ки бар ман камин гирад, чунон ки
имрӯз воқеъ шудааст?»
14 Ва Аҳималик ба подшоҳ ҷавоб гардонида, гуфт: «Кист аз ҳамаи
бандагонат, ки мисли Довуд амин бошад? Ва ӯ домоди подшоҳ аст, ва
иҷрокунандаи фармонҳои туст, ва дар хонаи ту мӯҳтарам аст.
15 Оё ба пурсидан аз Худо дар бораи ӯ ҳамон рӯз шурӯъ намудаам?
Ҳошо ва калло! Бигзор подшоҳ ин гуноҳро ба бандаи худ ва ба
тамоми хонадони падарам нисбат надиҳад, зеро ки бандаат аз
тамоми ин кор ба андозаи андак ё зиёд вуқуф наёфтааст».
16 Ва подшоҳ гуфт: «Эй Аҳималик, ту ва тамоми хонадони падарат
ҳатман хоҳед мурд!»
17 Ва подшоҳ ба шотироне ки дар гирду пешаш истода буданд,
гуфт: «Ҳамла оварда, коҳинони Худовандро бикушед, зеро дасти онҳо
низ бо Довуд аст, чунки аз гурехтани ӯ вуқуф ёфта, гӯшраси ман
накардаанд». Вале фармонбарони подшоҳ нахостанд дасти тааддӣ
дароз кунанд, то ки коҳинони Худовандро ба ҳалокат расонанд.
18 Ва подшоҳ ба Дӯаг гуфт: «Ту ҳамла оварда, коҳинонро бикуш».
Ва Дӯаги адӯмӣ ҳамла оварда, ба куштани коҳинон шурӯъ намуд, ва
дар он рӯз вай ҳаштоду панҷ мардро, ки эфӯди катон мепӯшиданд, ба
ҳалокат расонид+.
19 Ва аҳли Нубро, ки шаҳри коҳинон аст, ба дами шамшер кушт:
мардон ва занон, ва кӯдакон ва ширмакон, ва говон ва харон ва
гӯсфандонро ба дами шамшер кушт.
20 Вале як писари Аҳималик ибни Аҳитуб, ки номаш Абьётор буд,
халосӣ ёфта, назди Довуд гурехт+.
21 Ва Абьётор ба Довуд хабар дод, ки Шоул коҳинони Худовандро
кушт.
22 Ва Довуд ба Абьётор гуфт: «Ҳамон рӯз, ки Дӯаги адӯмӣ дар он ҷо
буд, медонистам, ки вай ба Шоул ҳатман хабар хоҳад дод. Ман сабаби

ҳалокати ҳамаи ҷонҳои хонадони падарат шудаам.
[23] Назди ман бимон, натарс, зеро ҳар кӣ қасди ҷони ту дорад, қасди ҷони ман низ хоҳад дошт; ту назди ман дар амният хоҳӣ буд»+.

## Моҷароҳои Довуд.

23 [1] Ва ба Довуд хабар дода, гуфтанд: «Инак, фалиштиён ба аҳли
Қаило ҷанг мекунанд, ва хирманҳоро толону тороҷ
менамоянд»+.
[2] Ва Довуд аз Худо пурсида, гуфт: «Оё рафта, ин фалиштиёнро
торумор намоям?» Ва Худованд ба Довуд гуфт: «Рафта, фалиштиёнро
торумор намо ва аҳли Қаилоро наҷот деҳ».
[3] Вале одамони Довуд ба ӯ гуфтанд: «Инак, мо ин ҷо дар Яҳудо
метарсем, пас хусусан агар бар зидди фавҷҳои фалиштиён ба Қаило
биравем!»
[4] Ва Довуд бори дигар аз Худованд пурсид, ва Худованд ба ӯ ҷавоб
гардонида, гуфт: «Бархоста, ба Қаило фурӯд ой, зеро ки Ман
фалиштиёнро ба дасти ту хоҳам супурд».
[5] Ва Довуд бо одамонаш ба Қаило рафт, ва бо фалиштиён ҷанг
кард, ва чорвои онҳоро бурд, ва ба онҳо зарбаи бузурге расонид; ва
Довуд сокинони Қаилоро наҷот дод.
[6] Ва ҳангоме ки Абьётор ибни Аҳималик назди Довуд гурехта
омад, эфӯдро ба дасташ гирифта овард+.
[7] Ва ба Шоул хабар доданд, ки Довуд ба Қаило омадааст. Ва Шоул
гуфт: «Худо ӯро ба дасти ман супурдааст, зеро ӯ ба шаҳре ки дарвоза
ва ғалақаҳо дорад, даромада, худро банд кардааст».
[8] Ва Шоул тамоми қавмро ба ҷанг даъват намуд, то ки ба Қаило
фурӯд омада, Довуд ва одамони ӯро муҳосира намояд.
[9] Ва Довуд фаҳмид, ки Шоул ба муқобили ӯ нияти баде дорад; ва ӯ
ба Абьётори коҳин гуфт: «Эфӯдро наздик биёр»+.
[10] Ва Довуд гуфт: «Худовандо, Худои Исроил! Бандаат шунидааст,
ки Шоул мехоҳад ба Қаило омада, аз боиси ман шаҳрро валангор
кунад.
[11] Оё сокинони Қаило маро ба дасти вай хоҳанд супурд? Оё Шоул
фурӯд хоҳад омад, чунон ки бандаат шунидааст? Худовандо, Худои
Исроил! Лутфан, бандаатро огоҳ намо». Ва Худованд гуфт: «Вай
фурӯд хоҳад омад».
[12] Ва Довуд гуфт: «Оё сокинони Қаило ман ва одамонамро ба дасти
Шоул хоҳанд супурд?» Ва Худованд гуфт: «Хоҳанд супурд».

[13] Ва Довуд бо одамонаш, ки тақрибан шашсад нафар буданд,
бархост, ва онҳо аз Қаило баромада, ба ҳар ҷое ки тавонистанд
бираванд, рафтанд. Ва чун ба Шоул хабар расид, ки Довуд аз Қаило
гурехтааст, аз юруш даст кашид+.
[14] Ва Довуд дар биёбон бар сахраҳои дастнорас сукунат дошт, ва
бар кӯҳе дар биёбони Зиф иқомат намуд. Ва Шоул ҳама вақт ӯро
меҷуст, вале Худо ӯро ба дасташ намесупурд+.
[15] Ва Довуд дид, ки Шоул барои ҷустани ҷони ӯ берун омадааст; ва
Довуд дар биёбони Зиф, дар Ҳӯршо ном мавзее сукунат дошт.
[16] Ва Йӯнотон ибни Шоул бархоста, назди Довуд ба Ҳӯршо омад, ва
дасти ӯро бо таваккал кардан ба Худо тақвият намуд.
[17] Ва ба ӯ гуфт: «Натарс, зеро ки дасти падарам Шоул туро пайдо
нахоҳад кард, ва ту бар Исроил подшоҳ хоҳӣ шуд, ва ман баъд аз ту
дуюмин хоҳам буд, ва падарам Шоул низ инро медонад»+.
[18] Ва ҳар дуяшон ба ҳузури Худованд аҳд бастанд; ва Довуд дар
Ҳӯршо монд, ва Йӯнотон ба хонаи худ рафт+.
[19] Ва зифиён назди Шоул ба Ҷибъо баромада, гуфтанд: «Довуд,
охир, назди мо дар Ҳӯршо, бар сахраҳои дастнорас, бар тали Ҳакило,
ки ба тарафи ҷанубии биёбон аст, пинҳон шудааст+.
[20] Ва алҳол, эй подшоҳ, ҳар вақте ки дилат бихоҳад, фурӯд ой, ва
дайни мо ин аст, ки ӯро ба дасти подшоҳ бисупорем».
[21] Ва Шоул гуфт: «Худованд шуморо баракат диҳад, зеро дар ҳаққи
ман дилсӯзӣ кардаед.
[22] Пас биравед, боз тайёрӣ бинед, ва ҷоеро, ки қадамаш гузошта
мешавад, ва касе ӯро дар он ҷо дидааст, тафтиш намуда зери чашм
гиред, зеро ба ман мегӯянд, ки ӯ бағоят маккор аст.
[23] Ва ҳамаи паноҳгоҳҳоеро, ки ӯ дар онҳо пинҳон мешавад,
тафтиш намуда, зери чашм гиред, ва бо маълумоти аниқ назди ман
баргардед, ва он гоҳ ман бо шумо хоҳам рафт; ва агар ӯ дар ин замин
бошад, ман ӯро дар миёни ҳамаи кабилаҳои Яҳудо ҷустуҷӯ хоҳам
кард».
[24] Ва онҳо бархоста, аз пеши Шоул ба Зиф рафтанд. Ва Довуд бо
одамонаш дар биёбони Моӯн, дар саҳро, ба тарафи ҷанубии биёбон
буд+.
[25] Ва Шоул бо одамонаш ба ҷустуҷӯи ӯ рафт, ва инро ба Довуд
хабар доданд, ва ӯ аз сахра фурӯд омада, дар биёбони Моӯн ҷойгир

шуд. Ва Шоул инро шунида, Довудро дар биёбони Моӯн таъқиб кард.
26 Ва Шоул ба як тарафи кӯҳ равона буд, ва Довуд бо одамонаш ба
тарафи дигари кӯҳ. Ва Довуд мешитофт, то ки аз пеши Шоул
бигрезад, ва Шоул ва одамонаш Довуд ва одамонашро иҳота
мекарданд, то ки онҳоро дастгир намоянд.
27 Вале қосиде назди Шоул омада, гуфт: «Шитобон биё, зеро ки
фалиштиён ба замин ҳуҷум овардаанд».
28 Ва Шоул аз таъқиб кардани Довуд баргашта, ба пешвози
фалиштиён равона шуд. Бинобар ин он маконро Селаъ-Ҳамаҳлеқӯт*
номидаанд.

## Довуд Шоулро дар мағораи Эйн-Ҷадӣ амон медиҳад.

**24** [1] •Ва Довуд аз он ҷо баромада, дар ҷойҳои дастнораси Эйн-
Ҷадӣ ҷойгир шуд+.
[2] Ва ҳангоме ки Шоул аз таъқиб кардани фалиштиён баргашт, ба ӯ
хабар дода, гуфтанд: «Инак, Довуд дар биёбони Эйн-Ҷадӣ мебошад».
[3] Ва Шоул се ҳазор марди гузинро аз тамоми Исроил гирифта, ба
ҷустуҷӯи Довуд ва одамонаш сӯи саҳроҳое рафт, ки маскани бузҳои
кӯҳист.
[4] Ва ба қӯраи бузу гӯсфандон, ки дар сари роҳ буд, расид, ва дар он
ҷо мағорае буд, ва Шоул барои қазои ҳоҷат ба он ҷо даромад; ва
Довуд ва одамонаш дар ақсои мағора нишаста буданд.
[5] Ва одамони Довуд ба ӯ гуфтанд: «Инак рӯзе ки Худованд дар
бораи он ба ту гуфтааст: „Инак, Ман душманатро ба дастат
месупорам, ва ҳар чи дар назарат писанд ояд, ба вай хоҳӣ кард“». Ва
Довуд бархоста, домани ҷомаи Шоулро оҳиста бурид.
[6] Вале баъд аз он, дили Довуд ба изтироб омад аз он ки домани
ҷомаи Шоулро буридааст,+
[7] Ва ӯ ба одамони худ гуфт: «Ҳошо ва калло аз ҷониби Худованд,
ки ман чунин амале ба оғои худ, масеҳи Худованд, бикунам, яъне
дасти тааддӣ ба вай дароз кунам, зеро ки вай масеҳи Худованд аст»+.
[8] Ва Довуд одамони худро бо ин суханон лат дода, нагузошт, ки
онҳо бар Шоул қиём кунанд. Ва Шоул бархоста, аз мағора баромада
рафт+.
[9] Ва баъд аз он Довуд бархоста, аз мағора баромад, ва аз ақиби
Шоул фарьёд зада, гуфт: «Эй оғоям, подшоҳ!» Ва Шоул ба ақиби худ
нигарист, ва Довуд рӯ ба замин афтода, ба вай саҷда бурд.
[10] Ва Довуд ба Шоул гуфт: «Чаро суханони одамонро мешунавӣ, ки
мегӯянд: „Инак, Довуд ба ту қасди бад дорад“?
[11] Инак, имрӯз чашмонат дидааст, ки Худованд имрӯз туро дар
мағора ба дасти ман супурда буд, ва баъзеҳо гуфтанд, ки туро
бикушам, вале ман туро амон дода, гуфтам: „Дасти худро бар оғои
худ дароз нахоҳам кард, зеро ки вай масеҳи Худованд аст“.
[12] Ва бингар, эй падарам, ва домани ҷомаи худро дар дасти ман
бубин: модоме ки домани ҷомаи туро буридаам, вале туро

накуштаам, бидон ва яқин бидор, ки бадӣ ва ҷинояте дар дасти ман
нест, ва ман дар ҳаққи ту гуноҳе накардаам, ва ҳол он ки ту камин
мегузорӣ, то ки ҷони маро бигирӣ+.
13 Бигзор Худованд дар миёни ману ту доварӣ намояд, ва бигзор
Худованд интиқоми маро аз ту бигирад, валекин дасти ман бар ту
нахоҳад буд+.
14 Чунон ки масали қадимӣ мегӯяд: „Шарорат аз шарирон содир
мешавад“, валекин дасти ман бар ту нахоҳад буд.
15 Ба муқобили кист, ки подшоҳи Исроил берун омадааст?
Таъқиботи ту ба муқобили кист? Ба муқобили саги мурдаест, ба
муқобили як кайкест.
16 Пас бигзор Худованд довар бошад, ва дар миёни ману ту доварӣ
намояд, ва даъвои маро бубинад ва бисанҷад, ва маро аз дасти ту
бираҳонад».
17 Ва ҳангоме ки Довуд гуфтани ин суханонро ба Шоул ба анҷом
расонид, Шоул гуфт: «Оё ин овози туст, эй писарам Довуд?» Ва Шоул
овози худро баланд карда, гирист,
18 Ва ба Довуд гуфт: «Ту аз ман одилтар ҳастӣ, зеро ки ту подоши
маро бо некӣ расондӣ, ва ҳол он ки ман подоши туро бо бадӣ
расондаам.
19 Ва ту имрӯз исбот намудӣ, ки чӣ гуна ба ман некӣ кардӣ, дар
сурате ки Худованд маро ба дасти ту супурд, вале ту маро накуштӣ.
20 Ва агар касе душмани худро ёфта бошад, оё варо бо некӣ раҳо
мекунад? Бигзор Худованд туро ба бадали он чи имрӯз барои ман
кардӣ, бо некӣ подош диҳад+.
21 Ва инак алҳол медонам, ки ту ҳатман подшоҳ хоҳӣ шуд, ва
мамлакати Исроил дар дасти ту устувор хоҳад гардид+.
22 Ва алҳол барои ман ба Худованд қасам бихӯр, ки баъд аз сари
ман насли маро несту нобуд нахоҳӣ кард, ва номи маро аз хонадони
падарам маҳв нахоҳӣ намуд».
23 Ва Довуд ба Шоул қасам хӯрд. Ва Шоул ба хонаи худ рафт, ва
Довуд ва одамонаш ба қалъаи худ баромаданд.

## Вафоти Самуил. Довуд ва Нобол.

25 [1] Ва Самуил вафот кард; ва тамоми Исроил ҷамъ шуда, барои
ӯ навҳагарӣ карданд, ва ӯро дар хонааш, дар Ромо дафн
намуданд. Ва Довуд бархоста, ба биёбони Форон фурӯд омад+.
[2] Ва марде дар Моӯн буд, ки дороияш дар Кармил буд, ва ин мард
бағоят сарватдор буда, се ҳазор гӯсфанд ва ҳазор буз дошт; ва ӯ дар
мавсими пашмбурии рамаҳояш дар Кармил буд.
[3] Ва номи ин мард Нобол, ва номи занаш Абиҷайл буд; ва ин зан
оқила ва хушҷамол буд, вале ин мард сахтгир ва бадкор буда, аз
хонадони Колеб буд+.
[4] Ва Довуд дар биёбон шунид, ки Нобол рамаҳояшро пашмбурӣ
мекунад.
[5] Ва Довуд даҳ ҷавонро фиристод; ва Довуд ба он ҷавонон гуфт: «Ба
Кармил бароед, ва назди Нобол рафта, аз номи ман ба ӯ салом
расонед.
[6] Ва бигӯед: „Зинда бош! Осоиштагӣ бар ту бод, осоиштагӣ бар
хонадони ту, осоиштагӣ бар ҳар чизе ки дорӣ!
[7] Ва алҳол шунидаам, ки назди ту пашмбурӣ мекунанд. Алҳол
чӯпононе ки ту дорӣ, бо мо буданд, ва мо ба онҳо осебе нарасондаем,
ва дар тамоми айёме ки онҳо дар Кармил буданд, ҳеҷ як чизашон
талаф нашудааст.
[8] Аз навкарони худ бипурс, ва онҳо ба ту хоҳанд гуфт. Пас бигзор
ин ҷавонон дар назари ту илтифот ёбанд, зеро ки мо дар рӯзи нек
омадаем; лутфан, аз он чи зери дасти туст, барои бандагонат ва
барои писарат Довуд бидеҳ“».
[9] Ва ҷавонони Довуд омада, ин суханонро аз номи Довуд ба Нобол
гуфтанд, ва хомӯш монданд.
[10] Ва Нобол ба навкарони Довуд ҷавоб гардонида, гуфт: «Довуд
кист, ва писари Йисой кист? Имрӯз ғуломони зиёде ҳастанд, ки ҳар
яке аз пеши оғоёни худ гурехта рафтаанд.
[11] Оё равост, ки ман нони худ ва оби худ ва гӯшти худро, ки барои
пашмбурони худ муҳайё кардаам, бигирам ва ба касоне ки
намедонам аз куҷо пайдо шудаанд, бидиҳам?»+
[12] Ва ҷавонони Довуд тоб хӯрда, ба роҳи худ рафтанд; ва гашта
омада, ҳамаи ин суханонро ба ӯ хабар доданд.

13 Ва Довуд ба одамони худ гуфт: «Ҳар яке шамшери худро
бандед!» Ва ҳар яке шамшери худро бастанд, ва Довуд низ шамшери
худро баст. Ва тақрибан чорсад кас аз ақиби Довуд рафтанд, ва дусад
кас назди ашьё монданд.
14 Валекин ба Абиҷайл, зани Нобол, яке аз навкаронаш хабар дода,
гуфт: «Инак, Довуд қосидонро аз биёбон фиристод, то ки оғои моро
табрик гӯянд, вале ӯ ба онҳо дағалона муносибат намуд.
15 Ва ҳол он ки ин одамон ба мо бағоят некӯ рафтор карданд, ва
дар тамоми айёме ки мо дар саҳро буда, бо онҳо мегаштем, ба мо
осебе нарасидааст, ва ҳеҷ чизи мо талаф нашудааст.
16 Дар тамоми айёме ки мо бо онҳо гашта, рамаҳоро мечаронидем,
ҳам рӯзона ва ҳам шабона, онҳо барои мо мисли ҳисоре буданд.
17 Ва алҳол бидон ва бубин, ки чӣ бояд бикунӣ, зеро мусибате бар
оғои мо ва бар тамоми хонадонаш таҳдид менамояд; ва ӯ шахси
нобакор аст, ба тавре ки бо ӯ гап задан мумкин нест»+.
18 Ва Абиҷайл шитобон дусадто нон, ва ду машк шароб, ва панҷ
гӯсфанди пухта, ва панҷ сео* хӯшабирьён, ва сад сар мавизи соягӣ, ва
дусад қурс анҷир гирифта, ба харҳо бор кард.
19 Ва ба навкаронаш гуфт: «Пешопеши ман равона шавед; инак,
ман аз қафои шумо меоям». Валекин ба шавҳараш Нобол хабар
надод.
20 Ва ҳангоме ки ӯ ба хар савор шуда, бо пайроҳаи ба назар ноаёни
кӯҳ мерафт, инак, Довуд ва одамонаш ба пешвози вай фурӯд омаданд,
ва ӯ бо онҳо рӯ ба рӯ шуд.
21 Ва Довуд мегуфт: «Ҳақиқатан, ман тамоми дороии ин шахсро
дар биёбон беҳуда нигаҳбонӣ намудаам, ва аз тамоми дороии вай
чизе талаф нашудааст; валекин вай ба бадали некӣ ба ман бо бадӣ
подош додааст.
22 Худованд ба душманони Довуд чунин ва зиёда аз ин бикунад,
агар ман то субҳидам аз тамоми дороии вай як наринае боқӣ
бигузорам»+.
23 Ва ҳангоме ки Абиҷайл Довудро дид, шитобон аз болои хар
фуромад, ва пеши Довуд рӯ бар замин афтода, ба ӯ саҷда кард+.
24 Ва назди поҳои ӯ афтода, гуфт: «Ин гунoҳ бар ман аст, эй оғоям;
лутфан, канизат дар гӯши ту сухан гӯяд, ва суханони чӯрии худро

бишнав+.
25 Бигзор оғоям ба ин марди нобакор, яъне ба Нобол, диққат
надиҳад, зеро, номи вай чӣ гуна бошад, худаш ҳамон гуна аст: номаш
Нобол* аст, ва зиштӣ бо ӯст. Вале ман, чӯрии ту, навкарони оғоямро,
ки ту фиристодӣ, надидаам.
26 Ва алҳол, эй оғоям, қасам ба ҳаёти Худованд ва қасам ба ҳаёти
ту, ки Худованд туро аз хунрезӣ нигоҳ дошта, нагузоштааст, ки бо
дасти худ интиқом гирӣ; ва алҳол душманонат, ва онҳое ки ба оғоям
бадӣ мехоҳанд, бигзор мисли Нобол шаванд+.
27 Ва ин аст инъоме ки канизат барои оғоям овардааст, ва он ба
навкароне ки ҳамроҳи оғоям мераванд, дода мешавад.
28 Лутфан, аз гуноҳи чӯрии худ гузарой намо; яқинан Худованд
барои оғоям хонадони матине барқарор хоҳад кард, зеро ки оғоям
ҷангҳои Худовандро мебарад, ва тамоми айёми умрат дар ту бадӣ
ёфт нахоҳад шуд+.
29 Ва агар касе бархоста, туро таъқиб намояд ва қасди ҷони ту
кунад, ҷони оғоям бо риштаи ҳаёт назди Худованд Худои ту баста
хоҳад буд, вале ҷони душманонатро Ӯ мисли он ки аз даруни
фалахмон бошад, дур хоҳад андохт.
30 Ва ҳангоме ки Худованд ба оғоям, мувофиқи ҳар он чи дар
бораи ту гуфтааст, некӣ бикунад, ва туро бар Исроил раис таъин
намояд,
31 Он гоҳ ин барои ту сабаби таассуф ва барои оғоям азоби виҷдон
нахоҳад шуд, ки хуни ноҳақ рехтааст, ва оғоям интиқомро ба дасти
худ раво дидааст. Ва ҳангоме ки Худованд ба оғоям некӣ кунад,
канизи худро ба ёд хоҳӣ овард».
32 Ва Довуд ба Абиҷайл гуфт: «Муборак аст Худованд Худои
Исроил, ки туро имрӯз ба пешвози ман фиристод.
33 Ва хиради ту муборак аст, ва худат муборак ҳастӣ, ки имрӯз
маро нагузоштӣ, ки хун бирезам, ва бо дасти худ интиқом гирам.
34 Валекин, қасам ба ҳаёти Худованд Худои Исроил, ки маро аз
бадӣ кардан ба ту нигоҳ дошт: агар ту шитобон ба пешвози ман
намеомадӣ, албатта назди Нобол то субҳидам наринае боқӣ
намемонд».

[35] Ва Довуд он чиро, ки барои ӯ оварда буд, аз дасти вай гирифта,
ба вай гуфт: «Ба саломатӣ ба хонаат бирав; инак, ман ба овози ту гӯш
андохта, туро рӯихотир кардам».
[36] Ва Абиҷайл назди Нобол омад, ва инак, базме дар хонаи ӯ мисли
базми подшоҳ ороста шуда буд, ва дили Нобол шод гардида, ӯ бағоят
маст буд; ва то субҳ вай ба ӯ чизе кам ё зиёд хабар надод.
[37] Ва бомдодон, вақте ки мастӣ аз Нобол берун рафт, занаш ин
ҳодисаҳоро ба ӯ хабар дод; ва дили ӯ андаруни ӯ шах шуда монд, ва
худаш мисли санг гардид.
[38] Ва чунин воқеъ шуд, ки баъд аз даҳ рӯз Худованд Ноболро
мубталои дард гардонид, ва ӯ мурд.
[39] Ва чун Довуд шунид, ки Нобол мурдааст, гуфт: «Муборак аст
Худованд, ки ниқори нанги маро аз Нобол ситонидааст, ва бандаи
Худро аз бадӣ нигоҳ доштааст, ва бадии Ноболро ба сари вай
баргардонидааст». Ва Довуд фиристод, то ба Абиҷайл бигӯянд, ки ӯ
мехоҳад варо барои худ ба занӣ бигирад.
[40] Ва навкарони Довуд назди Абиҷайл ба Кармил омаданд ва ба
вай сухан ронда, гуфтанд: «Довуд моро назди ту фиристод, то ки туро
барои худ ба занӣ бигирад».
[41] Вай бархост, ва рӯ ба замин саҷда бурда, гуфт: «Инак, канизи ту
ҳозир аст чӯрие бишавад, то ки пойҳои навкарони оғоямро бишӯяд».
[42] Ва Абиҷайл шитобон бархоста, бар хар савор шуд, ва панҷ
канизаш ба вай ҳамроҳӣ карданд; ва аз ақиби қосидони Довуд равона
шуд, ва зани ӯ гардид.

## Довуд Аҳинӯамро низ барои худ ба занӣ мегирад.

[43] Довуд пеш аз ин Аҳинӯами изреъилиро ба зани гирифта буд; ва
акнун ҳар дуи онҳо занони ӯ буданд+.
[44] Ва Шоул духтараш Микалро, ки зани Довуд буд, ба Фалтӣ ибни
Лайиш, ки аз Ҷаллим буд, дод+.

## Довуд бори дуюм Шоулро амон медиҳад.

26
1 •Ва зифиён назди Шоул ба Ҷибъо омада, гуфтанд: «Довуд,
охир, дар тали Ҳакило, ки рӯ ба рӯи биёбон аст, пинҳон
шудааст»+.
2 Ва Шоул бархоста, ба биёбони Зиф фурӯд омад, ва се ҳазор марди
гузини Исроил ҳамроҳи ӯ буданд, то ки Довудро дар биёбони Зиф
ҷустуҷӯ намоянд+.
3 Ва Шоул дар Ҷибъои Ҳакило, ки рӯ ба рӯи биёбон, дар сари роҳ
аст, ӯрду зад; ва Довуд дар биёбон буд, ва дид, ки Шоул аз паи ӯ
омадааст.
4 Ва Довуд ҷосусонро фиристод, ва донист, ки Шоул ҳақиқатан
омадааст.
5 Ва Довуд бархоста, ба маконе ки Шоул ӯрду зада буд, омад, ва
Довуд ҷоеро, ки Шоул ва сарлашкараш Абнир ибни Нир дар он хобида
буданд, дид; ва Шоул андаруни давра мехобид, ва қавм гирдогирди ӯ
ҷойгир шуда буданд+.
6 Ва Довуд ба Аҳималики ҳиттӣ ва Абишой ибни Саруё, бародари
Юоб, муроҷиат намуда, гуфт: «Кист, ки бо ман назди Шоул ба ӯрдугоҳ
фурӯд ояд?» Ва Абишой гуфт: «Ман бо ту фурӯд меоям»+.
7 Ва Довуд ва Абишой шабона назди қавм омаданд, ва инак Шоул
андаруни давра ёзида хобидааст, ва найзааш пеши сараш дар замин
халонида шудааст; ва Абнир ва қавм гирдогирди ӯ хобидаанд.
8 Ба Абишой ба Довуд гуфт: «Худо имрӯз душмани туро ба дасти ту
супурдааст; ва алҳол ба ман изн бидеҳ, то ки ӯро бо як зарбаи найза
ба замин бидӯзам, ва барои зарбаи дуюм ҳоҷат нахоҳад буд».
9 Вале Довуд ба Абишой гуфт: «Ӯро накуш, зеро кист, ки дасти
худро ба масеҳи Худованд дароз карда, беҷазо монда бошад?»+
10 Ва Довуд гуфт: «Қасам ба ҳаёти Худованд, ки ӯро ё Худованд
маҳв хоҳад кард, ё аҷалаш расида хоҳад мурд, ё ба ҷанг рафта, нобуд
хоҳад шуд+.
11 Хошо аз тарси Худованд, ки ман дасти худро ба масеҳи
Худованд дароз кунам! Ва алҳол, лутфан, найзаеро, ки пеши сараш
мебошад, ва кӯзаи обро бигир, ва мо ба роҳи худ биравем».

12 Ва Довуд найза ва кӯзаи обро аз пеши сари Шоул гирифт, ва онҳо
ба роҳи худ рафтанд; ва касе надид, ва касе нафаҳмид, ва касе бедор
нашуд, чунки ҳама ғарқи хоб буданд, зеро хоби сахте аз ҷониби
Худованд бар онҳо ғолиб омада буд+.
13 Ва Довуд ба тарафи дигар гузашта, бар қуллаи кӯҳ аз дурдаст
истод, ба тавре ки масофаи бузурге дар миёни онҳо буд.
14 Ва Довуд қавм ва Абнир ибни Нирро хонда, гуфт: «Эй Абнир,
ҷавоб деҳ!» Ва Абнир ҷавоб гардонида, гуфт: «Ту кистӣ, ки подшоҳро
мехонӣ?»
15 Ва Довуд ба Абнир гуфт: «Ту, охир, мард ҳастӣ, ва дар Исроил
кист, ки мисли ту бошад? Пас чаро оғои худ подшоҳро нигаҳбонӣ
намекунӣ? Зеро яке аз миёни қавм омада буд, то ки оғои ту
подшоҳро ба ҳалокат бирасонад.
16 Ин коре ки ту кардаӣ, хуб нест; қасам ба ҳаёти Худованд, ки
ҳамаи шумо сазовори қатл ҳастед, чунки оғои худ, масеҳи
Худовандро нигаҳбонӣ накардаед. Ва алҳол бубин, ки найзаи подшоҳ
ва кӯзаи об, ки пеши сараш буд, куҷост?»
17 Ва Шоул овози Довудро шинохта, гуфт: «Оё ин овози туст, эй
писарам Довуд?» Ва Довуд гуфт: «Овози ман аст, эй оғоям подшоҳ».
18 Ва гуфт: «Ин аз чӣ сабаб аст, ки оғоям бандаи худро таъқиб
мекунад? Ман чӣ кардаам, ва чӣ шарорате дар дасти ман аст?
19 Ва алҳол, лутфан, оғоям подшоҳ суханони бандаашро бишнавад:
агар Худованд туро ба муқобили ман барангехта бошад, бигзор Ӯ
ҳадияи маро қабул кунад; валекин агар банӣ-одам барангехта
бошанд, бигзор онҳо ба ҳузури Худованд малъун бошанд, зеро ки
онҳо имрӯз маро аз тааллуқ доштан ба мулки Худованд бадар ронда,
мегӯянд: „Рафта худоёни дигарро ибодат намо“.
20 Ва алҳол бигзор хуни ман дур аз ҳузури Худованд бар замин
рехта нашавад, зеро ки подшоҳи Исроил барои ҷустуҷӯи як кайке
берун омадааст, чунон ки кабкеро дар кӯҳҳо таъқиб мекунанд».
21 Ва Шоул гуфт: «Ман хато кардам! Баргард, эй писарам Довуд,
зеро ба ту дигар бадӣ нахоҳам кард, чунки имрӯз ҷони ман дар
назари ту азиз буд; инак, аблаҳона рафтор карда, бағоят гумроҳ
гардидам»+.
22 Ва Довуд ҷавоб дода, гуфт: «Инак найзаи подшоҳ; бигзор яке аз
амрадон ба ин ҷо гузашта, онро гирад.

23 Ва Худованд бигзор ба ҳар кас бар тибқи адолати вай ва
садоқати вай подош диҳад, чунки Худованд туро имрӯз ба дастам
супурд, вале ман нахостам дасти худро бар масеҳи Худованд дароз
кунам+.
24 Ва инак, чунон ки имрӯз ҷони ту дар назари ман азиз буд,
ончунон ҷони ман ҳам бигзор дар назари Худованд азиз бошад, ва Ӯ
маро аз ҳар мусибат халосӣ диҳад».
25 Ва Шоул ба Довуд гуфт: «Муборак ҳастӣ ту, эй писарам Довуд, ки
ҳам корҳои бузург хоҳӣ кард ва ҳам комьёб хоҳӣ шуд». Ва Довуд ба
роҳи худ рафт, ва Шоул ба макони худ баргашт.

## Нобоварии Довуд. Довуд дар миёни фалиштиён.

**27**

1 Ва Довуд дар дили худ гуфт: «Алҳол ягон рӯз ба дасти Шоул афтода, талаф хоҳам шуд; барои ман чизе беҳтар аз он нест, ки ба замини фалиштиён бигрезам, ва Шоул аз умеди дастгир кардани ман дар тамоми ҳудуди Исроил ноумед хоҳад гардид, ва ман аз дасти ӯ раҳо хоҳам шуд».

2 Ва Довуд бархоста, бо шашсад одаме ки ҳамроҳи ӯ буданд, сӯи Окиш ибни Моӯк, подшоҳи Ҷат, гузашт+.

3 Ва Довуд назди Окиш дар Ҷат сокин шуд, — худаш ва одамонаш, ҳар яке бо аҳли байташ, ва Довуд бо ду занаш: Аҳинӯами изреъилӣ ва собиқ зани Нобол, Абиҷайли кармилӣ+.

4 Ва ба Шоул хабар расид, ки Довуд ба Ҷат гурехтааст; ва дигар ӯро ҷустуҷӯ накард.

5 Ва Довуд ба Окиш гуфт: «Лутфан, агар ман дар назари ту илтифот ёфта бошам, ба ман дар яке аз шаҳрҳои хурд маконе бидиҳанд, то ки дар он ҷо сокин шавам; чаро бандаат дар шаҳри подшоҳнишин бо ту сукунат дошта бошам?»

6 Ва Окиш дар он рӯз ба ӯ Сиқлоҷро дод; бинобар ин Сиқлоҷ то имрӯз аз они подшоҳони Яҳудост+.

7 Ва шумораи рӯзҳое ки Довуд дар кишвари фалиштиён сукунат дошт, як солу чор моҳ буд.

8 Ва Довуд бо одамонаш мебаромад, ва онҳо бар ҷашуриён, ҷизриён ва амолеқиён тохтутоз мекарданд, зеро ки ин қабилаҳо аз қадимулайём дар он замин то роҳи Шур ва то замини Миср сокин буданд+.

9 Ва Довуд он заминро валангор карда, марде ва занеро зинда намегузошт, ва бузу гӯсфандон, ва говон, ва харон, ва шутурон ва либоси онҳоро мегирифт, ва баргашта, назди Окиш меомад.

10 Ва Окиш мегуфт: «Имрӯз ба куҷо тохтутоз кардед?» Ва Довуд мегуфт: «Ба ҷануби Яҳудо, ва ҷануби ераҳмиэлиён, ва ҷануби қениён»+.

11 Ва Довуд марде ва занеро зинда намегузошт, то ки ба Ҷат биёрад, зеро ки мегуфт: «Мабодо онҳо дар бораи мо хабар дода, гӯянд: „Довуд чунин амал кард“». Дар тамоми айёме ки ӯ дар кишвари фалиштиён сукунат дошт, тарзи рафтораш чунин буд.

12 Ва Окиш ба Довуд имон оварда, ба дили худ мегуфт: «Вай дар
назари қавми худ Исроил тамоман нафратангез гардидааст, ва ба
сурати абадӣ бандаи ман хоҳад буд».

## Довуд дар миёни душманони Исроил.

**28** [1] Ва дар он айём чунин воқеъ шуд, ки фалиштиён сарбозони
худро дар лашкаргоҳҳо ҷамъ оварданд, то ки бо Исроил ҷанг
кунанд. Ва Окиш ба Довуд гуфт: «Яқинан бидон, ки ту ва одамонат
ҳамроҳи ман баромада, ба лашкаргоҳ хоҳӣ омад».
[2] Ва Довуд ба Окиш гуфт: «Ин тавр бошад, ту хоҳӣ донист, ки
бандаат чӣ хоҳад кард». Ва Окиш ба Довуд гуфт: «Пас, ман туро ба
таври доимӣ посбони сари худ таъин хоҳам намуд».
[3] Ва Самуил вафот ёфт, ва тамоми Исроил барои ӯ навҳагарӣ
карданд, ва ӯро дар шаҳраш Ромо дафн намуданд. Ва Шоул ҷодугарон
ва азоимхононро аз мамлакат бадар ронд+.
[4] Ва фалиштиён ҷамъ шуда омаданд ва дар Шунам ӯрду заданд. Ва
Шоул тамоми Исроилро ҷамъ кард, ва онҳо дар Ҷилбӯа ӯрду заданд+.
[5] Ва ҳангоме ки Шоул лашкаргоҳи фалиштиёнро дид, ба ҳарос
афтод, ва дилаш музтариб гардид.
[6] Ва Шоул аз Худованд пурсид, вале Худованд ба ӯ ҷавоб
нагардонд, — на ба воситаи хобҳо, на ба воситаи урим ва на ба
воситаи анбиё+.
[7] Ва Шоул ба навкаронаш гуфт: «Барои ман занаки ҷодугареро
ҷустуҷӯ кунед, то наздаш рафта, аз вай пурсам». Ва навкаронаш ба ӯ
гуфтанд: «Инак, занаки ҷодугар дар Эйн-Дӯр мебошад»+.
[8] Ва Шоул намуди зоҳирии худро дигаргун сохта, либоси дигаре
дар бар кард, ва ду нафарро аз одамонаш ҳамроҳи худ гирифта,
равона шуд, ва шабона онҳо назди занак омаданд. Ва ӯ гуфт: «Лутфан,
ба воситаи ҷоду барои ман фол бикшо, ва касеро, ки ба ту бигӯям, аз
бароям барор».
[9] Вале занак ба ӯ гуфт: «Инак, он чиро, ки Шоул кардааст, ту
медонӣ, ки ӯ ҷодугарон ва азоимхононро аз мамлакат барҳам
додааст; пас чаро ту ба муқобили ҷони ман дом мегузорӣ, то ки маро
ба ҳалокат бирасонӣ?»
[10] Ва Шоул барои вай ба Худованд қасам хӯрда, гуфт: «Қасам ба
ҳаёти Худованд, ки ту барои ин кор ҷазое нахоҳӣ кашид».
[11] Ва занак гуфт: «Киро бароят барорам?» Ва ӯ гуфт: «Самуилро
бароям барор».

12 Ва занак Самуилро дид, ва бо овози баланд дод зад; ва занак ба Шоул сухан ронда, гуфт: «Чаро маро фиреб додӣ? Ту, охир, Шоул ҳастӣ!»

13 Ва подшоҳ ба вай гуфт: «Натарс; чӣ дидӣ?» Ва занак ба Шоул гуфт: «Худоеро дидам, ки аз замин мебарояд».

14 Ва ӯ ба вай гуфт: «Намуди зоҳириаш чӣ гуна аст?» Ва вай гуфт: «Марди пире мебарояд, ва ӯ ҷомае дар бар кардааст». Ва Шоул донист, ки ин Самуил аст, ва рӯ ба замин афтода, саҷда бурд+.

15 Ва Самуил ба Шоул гуфт: «Чаро маро безобита намуда, барозардӣ?» Ва Шоул гуфт: «Ман бағоят ба танг омадаам, чунки фалиштиён бо ман ҷанг мекунанд, ва Худо аз ман дур шудааст, ва дигар ба ман на ба воситаи анбиё ҷавоб медиҳад, на ба воситаи хобҳо; бинобар ин туро хондам, то маро ҳидоят намоӣ, ки чӣ бояд бикунам»+.

16 Ва Самуил гуфт: «Чаро аз ман мепурсӣ, дар сурате ки Худованд аз ту дур шуда, ба душмани ту табдил ёфтааст?

17 Ва Худованд Худаш тавре амал намудааст, ки ба воситаи ман гуфта буд; ва Худованд мамлакатро аз дасти ту кашида гирифта, ба ёри ту Довуд онро додааст+.

18 Азбаски ту ба овози Худованд гӯш надодӣ, ва оташи ғазаби Ӯро бар Амолеқ фурӯ нарехтӣ, бинобар ин Худованд имрӯз ин корро дар ҳаққи ту кардааст+.

19 Ва Худованд Исроилро низ бо ту ба дасти фалиштиён хоҳад супурд, ва фардо ту ва писаронат назди ман хоҳед буд; ӯрдугоҳи Исроилро низ Худованд ба дасти фалиштиён хоҳад супурд»+.

20 Ва Шоул дарҳол бо тамоми қоматаш бар замин афтод, ва аз суханони Самуил бағоят тарсид; дар айни ҳол ӯ маҷол ҳам надошт, зеро ки тамоми рӯз ва тамоми шаб хӯрок нахӯрда буд.

21 Ва он занак наздики Шоул омада, дид, ки ӯ бағоят ба ҳарос афтодааст, ва ба ӯ гуфт: «Инак, чӯрии ту ба овозат гӯш дод, ва ман ҷони худро ба кафи даст гирифта, ба суханоне ки ба ман гуфтӣ, итоат кардам.

22 Ва алҳол, лутфан, ту низ ба овози чӯрии худ гӯш деҳ: ман як порча нон пеши ту бимонам, то ки бихӯрӣ, ва қувват пайдо карда, ба роҳи худ биравӣ».

[23] Вале ӯ рад намуда, гуфт: «Намехӯрам!» Валекин навкаронаш ва
он занак аз ӯ бисьёр илтимос карданд, ва ӯ ба овози онҳо гӯш дода,
розӣ шуд, ва аз замин бархоста, бар кӯрпача нишаст.
[24] Ва он занак гӯсолаи охурӣ дар хона дошт, ва бо зудӣ онро забҳ
намуд; ва орд гирифта, хамир кард ва фатир пухт.
[25] Ва пеши Шоул ва навкаронаш монд; ва онҳо хӯрданд ва баъд
бархоста, ҳамон шаб рафтанд.

## Довуд бо мӯъҷизаи Худо аз хуруҷи зидди Исроил фориғ шуд.

29 [1] Ва фалиштиён ҳамаи лашкарҳои худро дар Афеқ ҷамъ
карданд; ва исроилиён назди чашмае ки дар Изреъил аст, ӯрду
заданд.
[2] Ва сарварони фалиштиён бо фавҷҳои саднафарӣ ва ҳазорнафарӣ
мегузаштанд, вале Довуд ва одамонаш бо Окиш аз ақиб равона
буданд.
[3] Ва мирони фалиштиён гуфтанд: «Ин ибриён кистанд?» Ва Окиш
ба мирони фалиштиён гуфт: «Ин, охир, Довуд — бандаи Шоул
подшоҳи Исроил — аст, ки як-ду сол боз назди ман мебошад, ва аз
рӯзи омаданаш то имрӯз аз ӯ айбе наёфтаам».
[4] Ва мирони фалиштиён бар ӯ хашмгин шуданд, ва мирони
фалиштиён ба ӯ гуфтанд: «Ин мардро баргардон, то ба маконе ки
барояш таъин намудаӣ, гашта равад, ва бо мо ба ҷанг набарояд, ва
дар ҷанг ба мо душманӣ накунад, зеро вай бо чӣ чизе метавонад бо
оғои худ оштӣ шавад? Оё на бо каллаҳои ин одамон?
[5] Ин, охир, ҳамон Довуд аст, ки дар бораи вай рақскунон
месуруданд:
„Шоул ҳазорҳоро мағлуб кард,
вале Довуд — беварҳоро!“»+
[6] Ва Окиш Довудро даъват намуда, ба ӯ гуфт: «Қасам ба Худованд,
ки ту дилсоф ҳастӣ, ва бо ман дар ӯрдугоҳ даробаро карданат дар
назари ман писанд меояд, зеро аз рӯзе ки назди ман омадаӣ, то
имрӯз аз ту бадӣ надидаам; вале дар назари сарварон ту хуб нестӣ.
[7] Ва алҳол баргашта, ба саломатӣ бирав, ва коре накун, ки ба
назари сарварони фалиштиён бад намояд».
[8] Ва Довуд ба Окиш гуфт: «Ман чӣ кардаам, ва аз рӯзе ки назди ту
омадаам, то имрӯз дар бандаат чӣ ёфтаӣ, ки ман наоям ва бо
душманони оғоям подшоҳ ҷанг накунам?»
[9] Ва Окиш ба Довуд ҷавоб гардонда, гуфт: «Медонам, ки ту дар
назарам мисли фариштаи Худо нек ҳастӣ, аммо мирони фалиштиён
гуфтанд: „Вай бо мо ба ҷанг набарояд“+.
[10] Ва алҳол бомдодон бо навкарони оғоят, ки бо ту омадаанд,
бармаҳал бархез; ва чун бомдодон бармаҳал бархостед, бароятон
ҳаво равшан ки шуд, биравед».

11 Ва Довуд бо одамонаш бомдодон бармаҳал бархост, то ки ба
замини фалиштиён баргардад. Ва фалиштиён ба Изреъил
баромаданд.

## Довуд аз тороҷгарони Сиқлоҷ интиқом меситонад.

**30** [1] Ва ҳангоме ки Довуд ва одамонаш дар рӯзи сеюм ба Сиқлоҷ
расиданд, маълум шуд, ки амолеқиён ба ҷануб ва ба Сиқлоҷ
ҳуҷум кардаанд, ва Сиқлоҷро торумор намуда, онро ба оташ
сӯзонидаанд+.
[2] Ва занон ва ҳар каси дар он бударо, аз хурд то калон, асир
кардаанд, ҳеҷ касро накуштаанд, балки ба асирӣ бурда, ба роҳи худ
рафтаанд.
[3] Ва Довуд бо одамонаш ба шаҳр омад, ва инак, он ба оташ
сӯхтааст, ва занон ва писарон ва духтаронашон асир гардидаанд.
[4] Ва Довуд ва қавме ки бо ӯ буданд, овози худро баланд карда,
гиристанд, то ба дараҷае ки дигар маҷоли гиристан надоштанд.
[5] Ва ду зани Довуд: Аҳинӯами изреъилӣ ва Абиҷайл, зани Noболи
кармилӣ, асир шуда буданд+.
[6] Ва Довуд бағоят ба танг омад, зеро ки қавм мехостанд ӯро
сангсор кунанд, чунки тамоми қавм — ҳар яке барои писарону
духтаронашон — талхком гардида буданд; вале Довуд ба Худованд
Худои худ таваккал намуда, қувват меёфт.
[7] Ва Довуд ба Абьётори коҳин, ибни Аҳималик, гуфт: «Лутфан,
эфӯдро назди ман биёр». Ва Абьётор эфӯдро назди Довуд овард+.
[8] Ва Довуд аз Худованд пурсида, гуфт: «Оё ин фавҷро дунболагирӣ
намоям? Оё ба онҳо метавонам бирасам?» Ва ба ӯ гуфт:
«Дунболагирӣ намо! Зеро ки ҳатман ба онҳо хоҳӣ расид ва раҳо хоҳӣ
кард».
[9] Ва Довуд бо шашсад нафаре ки ҳамроҳи ӯ буданд, равона шуд; ва
онҳо ба рӯди Басӯр расиданд; ва онҳое ки хаста шуда буданд, дар он
ҷо бозистоданд+.
[10] Ва Довуд бо чорсад нафар дунболагириро давом дод, вале дусад
нафаре ки хаста шуда, натавониста буданд аз рӯди Басӯр бигзаранд,
бозистоданд.
[11] Ва дар саҳро шахси мисриро ёфта, ӯро назди Довуд оварданд; ва
ба ӯ нон доданд, ки бихӯрад, ва ӯро об нӯшониданд.
[12] Ва ба ӯ порчае аз қурси анҷир ва ду сар ангури соягӣ доданд, ва ӯ
хӯрда, ба худ омад, зеро ки се рӯз ва се шаб на нон хӯрда буд ва на об
нӯшида буд.

13 Ва Довуд ба ӯ гуфт: «Ту аз они кӣ ҳастӣ ва аз куҷо мебошӣ?» Ӯ
гуфт: «Ман ҷавони мисрӣ ва ғуломи шахси амолеқӣ ҳастам, ва оғоям
маро партофтааст, зеро се рӯз аст, ки ман беморам.
14 Мо ба ҷануби каритиён, ва ба мулки Яҳудо, ва ба ҷануби Колеб
тохтутоз кардем, ва Сиқлоҷро ба оташ сӯзондем»+.
15 Ва Довуд ба ӯ гуфт: «Оё ту маро ба он фавҷ бурда мерасонӣ?» Ӯ
гуфт: «Барои ман ба Худо қасам бихӯр, ки маро нахоҳӣ кушт, ва маро
ба дасти оғоям нахоҳӣ супурд, ва ман туро ба он фавҷ хоҳам
расонд»+.
16 Ва ӯ варо бурда расонд, ва инак, онҳо бар рӯи тамоми он замин
паҳн шуда, мехӯрданд ва менӯшиданд ва шодӣ мекарданд ба
муносибати тамоми он ғанимати бузурге ки аз замини фалиштиён
ва аз замини Яҳудо гирифта буданд.
17 Ва Довуд онҳоро аз сари шаб то бегоҳии рӯзи дигар зарба мезад;
ва касе аз онҳо раҳо нашуд, ғайр аз чорсад нафар ҷавононе ки бар
шутурҳо савор шуда, рӯ ба гурез оварданд+.
18 Ва Довуд ҳар чиро, ки амолеқиён гирифта буданд, раҳо кард; ва
ду зани худро Довуд раҳо кард.
19 Ва онҳо аз ҳеҷ чизи хурд ва калон маҳрум нашуданд: на аз
писарон ва духтарон, на аз ғанимат ва на аз ҳар чизе ки аз онҳо
гирифта бурда буданд: ҳамаашро Довуд баргардонид.
20 Ва Довуд ҳамаи бузу гӯсфандон ва говонро гирифт, ва онҳоро
пешопеши чорвои худ ронда, мегуфтанд: «Ин ғанимати Довуд аст».
21 Ва Довуд назди он дусад нафар, ки натавониста буданд аз ақиби
Довуд биравbooking, ва ӯ онҳоро пеши рӯди Басӯр монда буд, омад, ва
онҳо ба пешвози Довуд ва ба пешвози қавме ки бо ӯ буданд,
баромаданд; ва Довуд ба ин қавм наздик омад ва аз саломатии онҳо
пурсид.
22 Вале ҳамаи шахсони бад ва нобакор аз миёни одамоне ки бо
Довуд рафта буданд, сухан ронда, гуфтанд: «Азбаски онҳо бо мо
нарафтанд, аз ғанимате ки ба даст овардем, ба онҳо чизе нахоҳем
дод, балки бигзор ҳар кас фақат занаш ва бачагонашро гирифта, бо
онҳо баромада равад».
23 Вале Довуд гуфт: «Ин тавр амал накунед, эй бародаронам, дар
сурате ки ни чизҳоро Худованд ба мо додааст, ва моро нигаҳбонӣ

намудааст, ва он фавҷро, ки бар мо тохтутоз карда буд, ба дасти мо
супурдааст.
[24] Ва кист, ки дар ин бобат ба шумо гӯш диҳад? Зеро ҳиссаи касе ки
назди ашьё мемонад, мисли ҳиссаи касе ки ба ҷанг меравад, хоҳад
буд; бояд ба ҳама баробар тақсим карда шавад»+.
[25] Ва аз он рӯз эътиборан ҳамин тавр шуд, ва инро ӯ ҳамчун қонун
ва қоида барои Исроил то имрӯз қарор додааст.
[26] Ва Довуд ба Сиқлоҷ омад, ва аз он ғанимат ба пирони Яҳудо, ки
ёрони ӯ буданд, фиристода, гуфт: «Инак тӯҳфае аз ғанимати
душманони Худованд барои шумо», —
[27] Барои аҳли Байт-Ил, ва аҳли Ромои ҷанубӣ, ва аҳли Яттир,
[28] Ва барои аҳли Арӯэр, ва аҳли Сифмӯт, ва аҳли Эштемӯа,
[29] Ва барои аҳли Рокол, ва аҳли шаҳрҳои ераҳмиэлиён, ва аҳли
шаҳрҳои қениён,+
[30] Ва барои аҳли Ҳормо, ва аҳли Кӯр-Ошон, ва аҳли Аток,
[31] Ва барои аҳли Ҳебрӯн ва ҳамаи ҷойҳое ки Довуд бо одамонаш
дар онҳо омаду рафт мекард.

## Фавти Шоул ва писаронаш.

31 1 •Ва фалиштиён бо Исроил ҷанг мекарданд, ва мардуми
Исроил аз пеши фалиштиён гурехтанд, ва бар кӯҳи Ҷилбӯа
шаҳид шуда афтоданд+.
2 Ва фалиштиён ба Шоул ва писаронаш омада расиданд; ва
фалиштиён Йӯнотон ва Абинодоб ва Малкишуа — писарони Шоулро
куштанд+.
3 Ва ҷанг бар зидди Шоул сахт шуд; ва сарбозоне ки тир аз камон
меандохтанд, ӯро ба зери тир гирифтанд; ва ӯ аз дасти тирандозон
бағоят дилтанг шуд.
4 Ва Шоул ба силоҳбардори худ гуфт: «Шамшери худро кашида,
маро бо он бизан, мабодо ин номахтунон омада, маро ба хорӣ
бикушанд». Вале силоҳбардораш нахост, зеро ки бағоят тарсид; ва
Шоул шамшери худро гирифта, бар он афтод+.
5 Ва силоҳбардораш дид, ки Шоул мурд, вай низ бар шамшери худ
афтода, бо ӯ мурд.
6 Ба ҳамин тариқ Шоул ва се писараш ва силоҳбардораш, низ
ҳамаи одамонаш дар он рӯз якҷоя мурданд.
7 Ва мардуми Исроил, ки дар он тарафи водӣ ва дар он тарафи
Урдун буданд, чун диданд, ки исроилиён рӯ ба гурез овардаанд, ва
Шоул ва писаронаш мурдаанд, — шаҳрҳоро партофта, гурехтанд, ва
фалиштиён омада, дар онҳо сокин шуданд.
8 Ва фардояш фалиштиён барои луч кардани шаҳидон омаданд, ва
Шоул ва се писарашро ёфтанд, ки бар кӯҳи Ҷилбӯа афтода буданд.
9 Ва сари ӯро буриданд, ва аслиҳаи ӯро гирифтанд, ва ба ҳар
тарафи замини фалиштиён фиристоданд, то ки ба бутхонаҳои худ ва
ба қавм башорат диҳанд+.
10 Ва аслиҳаи ӯро дар хонаи Аштора гузоштанд, ва ҷасадашро бар
ҳисори Байт-Шон овехтанд+.
11 Ва сокинони Ёбиш-Ҷилъод он чиро, ки фалиштиён ба Шоул
карда буданд, шуниданд,+
12 Ва ҳамаи мардони далер бархоста, тамоми шаб роҳ паймуданд,
ва ҷасади Шоул ва ҷасади писаронашро аз ҳисори Байт-Шон
гирифтанд, ва ба Ёбиш омада, онҳоро дар он ҷо сӯзониданд+.

[13] Ва устухонҳои онҳоро гирифта, зери дарахти газ, ки дар Ёбиш ааст, дафн карданд. Ва ҳафт рӯз рӯза доштанд.

---

* 4:21 Бешарафӣ.

* 7:12 Санги мадад.

* 18:7 **Бевар** — даҳ ҳазор.

* 23:28 Сахраи мухолифат.

* 25:18 **Сео** — андозаи қадимии ҳаҷми ғалладона, ки тақрибан 13 литр гунҷоиш дошт.

* 25:25 **Нобол** — зишт.

---

\+ 1:3 Хур. 23:15, Так. Шар. 12:5-7

\+ 1:4 Так. Шар. 12:17-18

\+ 1:8 Рут 4:15

\+ 1:9 1 Подш. 12:7, 1 Подш. 15:20

\+ 1:11 Ҳас. 28:20

\+ 1:18 Рут 2:13

\+ 2:1 Луқ. 1:46-55, Заб. 33:3

+ 2:2 Хур. 15:11, Так. Шар. 32:31

+ 2:4 Заб. 36:15, Заб. 75:4

+ 2:5 Заб. 67:7, Заб. 112:9, Иш. 54:1, Ирм. 15:9

+ 2:6 Так. Шар. 32:39

+ 2:7 Айюб 5:11, Заб. 74:8

+ 2:8 Заб. 106:41, Заб. 112:7, Айюб 36:7, Заб. 112:7-8, Айюб 38:6, Мас. 8:29, Заб. 23:2, Заб. 101:26, Заб. 103:5

+ 2:9 Заб. 90:11, Мас. 2:8, Мас. 4:19, Ирм. 23:12

+ 2:10 1 Подш. 7:10, Заб. 17:14, Заб. 95:13

+ 2:12 Так. Шар. 13:13

+ 2:16 Иб. 3:16-17, Иб. 7:25

+ 2:21 Дов. 13:24

+ 2:22 Хур. 38:8

+ 2:25 Ех. 11:20

+ 2:26 Лук. 2:52

+ 2:27 3 Подш. 13:1, Хур. 4:14, Хур. 4:27

+ 2:28 Хур. 28:1, Ад. 18:8-19

+ 2:30 Хур. 27:21, Мас. 4:8, Ирм. 8:9-10

+ 2:31 3 Подш. 2:27

+ 2:34 1 Подш. 4:11

+ 2:35 3 Подш. 2:35

+ 3:1 Заб. 73:9, Мас. 29:18, Ом. 8:11

+ 3:11 4 Подш. 21:12, Ирм. 19:3

+ 3:17 Рут 1:17

+ 3:18 2 Подш. 10:12, 2 Подш. 15:26

+ 3:19 1 Подш. 9:6

+ 3:20 Дов. 20:1

+ 4:3 Ех. 18:1

+ 4:4 Хур. 25:22

+ 4:9 Дов. 13:1

+ 4:11 1 Подш. 2:34

+ 4:12 Ех. 7:6, Нах. 9:1

+ 4:15 3 Подш. 14:4

+ 4:20 Ҳас. 35:17

+ 4:22 Заб. 77:61

+ 5:1 Ех. 13:3

+ 5:2 Дов. 16:23

+ 5:3 Иш. 46:1

+ 5:4 Иш. 21:9, Ирм. 50:2, Мик. 1:7

+ 5:5 Саф. 1:9

+ 6:3 Иб. 5:15, Иб. 5:16

+ 6:6 Хур. 8:15, Хур. 8:32, Хур. 12:31

+ 6:7 Ад. 19:2, Так. Шар. 21:3

+ 6:17 Ех. 13:3

+ 6:19 Хур. 19:21, Ад. 4:20

+ 6:21 Ех. 18:14

+ 7:1 2 Подш. 6:3, 1 Вақ. 13:7

+ 7:3 Так. Шар. 30:1-10, 3 Подш. 8:48, Иш. 55:7, Ҳуш. 6:1, Юил 2:12

+ 7:4 Дов. 2:13

+ 7:5 Дов. 20:1

+ 7:6 2 Подш. 14:14, 2 Подш. 23:16, Нав. 2:19, Дов. 10:10

+ 7:9 Заб. 98:6

+ 7:10 1 Подш. 2:10, Ех. 10:10, Заб. 17:15

+ 7:12 Ҳас. 28:18, Ҳас. 35:14, Ех. 4:1-10

+ 8:3 Хур. 23:8, Так. Шар. 16:19

+ 8:5 Так. Шар. 17:14, Дов. 8:5

+ 8:11 Так. Шар. 17:16-20, 1 Подш. 14:52

+ 8:14 3 Подш. 21:1-16

+ 8:18 Мас. 1:28, Иш. 1:15, Мик. 3:4

+ 9:1 1 Подш. 14:51, 1 Вақ. 8:33, 1 Вақ. 9:39

+ 9:4 4 Подш. 4:42

+ 9:6 1 Подш. 3:19

+ 9:12 3 Подш. 3:2

+ 9:16 Хур. 2:24-25, Хур. 3:9

+ 9:21 Дов. 20:46, Дов. 21:6, Дов. 6:15

+ 10:1 1 Подш. 9:16, 1 Подш. 16:13, 2 Подш. 2:4, 3 Подш. 1:34, 4 Подш. 9:3

+ 10:2 Ҳас. 35:19

+ 10:10 Ад. 24:2

+ 10:12 1 Подш. 19:24

+ 10:18 Дов. 6:9

+ 10:19 Еҳ. 7:14

+ 10:24 2 Подш. 16:16, 3 Подш. 1:25, 3 Подш. 1:31, 3 Подш. 1:39, 4 Подш. 11:12, 2 Вак. 23:11

+ 10:25 Так. Шар. 17:14-20

+ 10:27 Так. Шар. 13:13

+ 11:1 Дов. 21:8, 1 Подш. 31:11-13

+ 11:2 Зак. 11:17

+ 11:4 Дов. 2:4, Дов. 21:2

+ 11:6 Ад. 24:2, 1 Подш. 10:10

+ 11:7 Дов. 19:29, Дов. 20:1

+ 11:8 Дов. 1:5, Дов. 20:17, 1 Подш. 15:4, 2 Подш. 24:9

+ 11:11 Дов. 7:16

+ 11:14 1 Подш. 10:8

+ 12:1 1 Подш. 8:5, 1 Подш. 10:24

+ 12:3 Так. Шар. 16:19, Ад. 16:15

+ 12:8 Ҳас. 46:6-7, Хур. 2:23, Хур. 12:36, Хур. 12:51

+ 12:9 Дов. 3:12, Дов. 4:2, Дов. 10:7, Дов. 13:1

+ 12:10 Дов. 10:10

+ 12:11 Дов. 6:32, Дов. 11:1, 1 Подш. 7:10

+ 12:12 1 Подш. 11:1, 1 Подш. 8:19

+ 12:15 Иб. 26:14-15, Так. Шар. 28:15

+ 12:21 Так. Шар. 11:16, 1 Қӯр. 8:4

+ 12:22 Заб. 93:14, Рум. 11:2

+ 12:23 3 Подш. 8:36, 2 Вак. 6:27

+ 12:24 Так. Шар. 10:12, Еҳ. 24:14

+ 12:25 Еҳ. 24:20

+ 13:3 Дов. 3:27, Дов. 6:34

+ 13:5 Еҳ. 11:4, Дов. 7:12

+ 13:6 Дов. 6:2, Айюб 30:6

+ 13:8 1 Подш. 10:8

+ 13:13 2 Подш. 24:10, 1 Вақ. 21:8

+ 13:14 Заб. 88:20-21, Аъм. 13:22

+ 14:3 Хур. 28:6, 1 Подш. 2:18, 1 Подш. 22:1, 1 Подш. 1:3

+ 14:6 Дов. 7:4, Дов. 7:7

+ 14:11 1 Подш. 13:6

+ 14:18 Ад. 27:21

+ 14:20 Дов. 7:22, 2 Вақ. 20:22-23

+ 14:29 Иб. 5:4

+ 14:31 Еҳ. 10:12

+ 14:33 Ҳас. 9:4, Иб. 3:17, Иб. 7:26, Иб. 17:10, Так. Шар. 12:23-24

+ 14:37 1 Подш. 28:6

+ 14:42 Юн. 1:7

+ 14:45 2 Подш. 14:11, 3 Подш. 1:52, Лук. 21:18, Аъм. 27:34

+ 14:47 2 Подш. 8:3, 2 Подш. 10:6

+ 14:48 1 Подш. 15:3, 1 Подш. 15:7

+ 14:49 1 Подш. 31:2, 1 Вақ. 8:33, 1 Вақ. 9:39, 1 Вақ. 10:1, 1 Подш. 18:17-28, 1 Подш. 19:11-17, 2 Подш. 3:13-16, 2 Подш. 6:16-23

+ 14:50 2 Подш. 2:8

+ 14:51 1 Подш. 9:1, 1 Вақ. 8:33, 1 Вақ. 9:39

+ 14:52 1 Подш. 8:11

+ 15:1 1 Подш. 9:16, 1 Подш. 10:1

+ 15:2 Хур. 17:8-16, Так. Шар. 25:17-19

+ 15:4 1 Подш. 11:8

+ 15:6 Ад. 24:21, Дов. 1:16

+ 15:7 Ҳас. 2:11, Ҳас. 25:18

+ 15:8 Ех. 8:23, Хур. 17:14, Ад. 24:7

+ 15:10 Ҳас. 6:6

+ 15:12 Ех. 15:55

+ 15:22 Воиз 4:17, Заб. 39:7-8, Заб. 49:8-14, Мас. 21:3, Иш. 1:11-17, Ирм. 7:22-23, Мик. 6:6-8, Ибр. 10:6

+ 15:23 1 Подш. 13:14

+ 15:27 3 Подш. 11:30-31

+ 15:28 1 Подш. 13:14, 1 Подш. 28:17

+ 15:29 Ад. 23:19, Тит. 1:2

+ 15:35 1 Подш. 19:24

+ 16:1 1 Подш. 9:16, 1 Подш. 10:1

+ 16:5 Айюб 1:5

+ 16:6 1 Подш. 17:13, 1 Вақ. 2:13-15, 2 Вақ. 11:19

+ 16:7 3 Подш. 8:39, Мас. 21:2, Ирм. 11:20

+ 16:9 2 Подш. 13:3, 2 Подш. 21:21, 1 Вақ. 2:13, 1 Вақ. 20:7

+ 16:13 1 Подш. 10:1, Ад. 24:2

+ 16:14 Дов. 9:23

+ 16:17 4 Подш. 3:15

+ 17:1 Ех. 15:35

+ 17:4 Еҳ. 11:22

+ 17:7 2 Подш. 21:19, 1 Вақ. 20:5

+ 17:8 1 Подш. 8:17

+ 17:13 1 Подш. 16:6-10, 1 Вақ. 2:13-15

+ 17:18 Ҳас. 37:14

+ 17:25 Еҳ. 15:16, 1 Подш. 18:17-19

+ 17:44 Так. Шар. 28:26

+ 17:45 Заб. 19:8

+ 17:46 3 Подш. 18:36

+ 17:47 Заб. 43:7, 2 Вақ. 20:15, Ҳуш. 1:7

+ 17:50 2 Подш. 23:21

+ 17:52 Еҳ. 15:36

+ 17:54 2 Подш. 5:6

+ 17:55 1 Подш. 14:51, 2 Подш. 2:8

+ 18:1 1 Подш. 20:17, 2 Подш. 1:26

+ 18:6 Хур. 15:20

+ 18:7 1 Подш. 21:11, 1 Подш. 29:5

+ 18:10 1 Подш. 16:14

+ 18:14 2 Подш. 7:9

+ 18:17 1 Подш. 14:49, 1 Подш. 17:25, 1 Подш. 25:28

+ 18:18 Дов. 6:15, 1 Подш. 9:21, 2 Подш. 7:18

+ 18:19 2 Подш. 21:8

+ 18:25 Ҳас. 34:12, 2 Подш. 3:14

+ 19:5 1 Подш. 17:48-49

+ 19:9 1 Подш. 16:14, 1 Подш. 18:10

+ 19:11 Заб. 58:1, 1 Подш. 14:49, 1 Подш. 18:20-28, 2 Подш. 6:16-23

+ 19:12 Еҳ. 2:15, Аъм. 9:25

+ 19:18 1 Подш. 7:17

+ 19:20 Ад. 11:25, Ад. 24:2

+ 19:23 Ад. 24:2

+ 19:24 Иш. 20:2, 1 Подш. 10:11-12

+ 20:1 1 Подш. 7:17

+ 20:8 2 Подш. 14:32

+ 20:15 2 Подш. 9:1, 2 Подш. 21:7

+ 20:17 Иб. 19:18, 1 Подш. 18:1, 2 Подш. 1:26

+ 20:25 1 Подш. 14:50-51

+ 20:26 Иб. 7:21, Иб. 11:24-28, Иб. 15:1-4

+ 21:1 Иш. 10:32

+ 21:6 Иб. 24:9, Мат. 12:3, Марқ. 2:25, Луқ. 6:3

+ 21:7 1 Подш. 22:9, Заб. 51:2

+ 21:9 Хур. 28:6, 1 Подш. 2:18, 1 Подш. 17:51

+ 21:10 1 Подш. 27:2, 3 Подш. 2:39

+ 21:11 1 Подш. 18:7, 1 Подш. 29:5

+ 21:13 Заб. 33:1

+ 22:1 2 Подш. 23:13, 1 Вақ. 11:15, Заб. 56:1, Заб. 141:1

+ 22:2 Дов. 11:3

+ 22:5 2 Подш. 24:11, 1 Вақ. 21:9, 1 Вақ. 29:29

+ 22:8 1 Подш. 18:3

+ 22:9 1 Подш. 21:7, Заб. 51:2

+ 22:10 1 Подш. 21:6, 1 Подш. 21:9

+ 22:18 Хур. 28:6, 1 Подш. 2:18

+ 22:20 1 Подш. 23:6

+ 22:23 3 Подш. 2:26

+ 23:1 Ех. 15:44

+ 23:6 1 Подш. 22:20, Хур. 28:6, 1 Подш. 2:18

+ 23:9 1 Подш. 30:7

+ 23:13 1 Подш. 22:2, 1 Подш. 25:13, 1 Подш. 27:2

+ 23:14 Ех. 15:24, Заб. 62:1

+ 23:17 1 Подш. 24:21

+ 23:18 1 Подш. 18:3, 1 Подш. 20:8

+ 23:19 1 Подш. 26:1, Заб. 53:1-2

+ 23:24 Ех. 15:55

● 24:1 *1 Подш. 26*

+ 24:1 Ех. 15:62

+ 24:6 2 Подш. 24:10

+ 24:7 1 Подш. 26:9, 2 Подш. 1:14

+ 24:8 Заб. 7:5

+ 24:12 Заб. 58:4

+ 24:13 Ҳас. 16:5

+ 24:20 Рут 2:12

+ 24:21 1 Подш. 23:17

+ 25:1 1 Подш. 7:17, Ҳас. 21:21, Ад. 10:2

+ 25:3 Ад. 13:30, Еҳ. 14:14, 1 Вақ. 2:18-24

+ 25:11 Дов. 8:6, Иш. 32:6

+ 25:17 Так. Шар. 13:13

+ 25:22 1 Подш. 3:17

+ 25:23 Рут 2:10

+ 25:24 2 Подш. 14:9

+ 25:26 2 Подш. 18:32, Дон. 4:16

+ 25:28 1 Подш. 18:17

+ 25:43 1 Подш. 27:3, 1 Подш. 30:5, 2 Подш. 2:2, 2 Подш. 3:2, 1 Вақ. 3:1

+ 25:44 2 Подш. 3:14-15

● 26:1 *1 Подш. 24:1-22*

+ 26:1 1 Подш. 23:19, Заб. 53:1-2

+ 26:2 Ех. 15:24, Заб. 62:1

+ 26:5 1 Подш. 14:50, 1 Подш. 17:55

+ 26:6 2 Подш. 2:18

+ 26:9 1 Подш. 24:7, Заб. 7:5

+ 26:10 1 Подш. 31:6

+ 26:12 Ҳас. 2:21, Ҳас. 15:12

+ 26:21 1 Подш. 15:24

+ 26:23 2 Подш. 22:21, Заб. 17:21

+ 27:2 1 Подш. 23:13, 1 Подш. 21:10, 3 Подш. 2:39

+ 27:3 1 Подш. 25:43

+ 27:6 Ех. 15:31

+ 27:8 Ех. 13:2, 1 Подш. 15:7

+ 27:10 Ех. 15:31-32, Дов. 1:16, 1 Подш. 30:29

+ 28:3 1 Подш. 25:1, Хур. 22:18, Иб. 19:31, Так. Шар. 18:10-12

+ 28:4 Ех. 19:17, 1 Подш. 31:1

+ 28:6 1 Подш. 14:37, 2 Подш. 22:42, Заб. 17:42

+ 28:7 Ех. 17:11

+ 28:14 1 Подш. 2:19, 1 Подш. 15:27

+ 28:15 1 Подш. 18:12

+ 28:17 1 Подш. 15:28

+ 28:18 1 Подш. 15:29

+ 28:19 1 Подш. 31:2, 1 Подш. 31:4

+ 29:5 1 Подш. 18:7, 1 Подш. 21:11

+ 29:9 2 Подш. 14:17, 2 Подш. 14:20, 2 Подш. 19:27, Ғал. 4:14

+ 30:1 1 Подш. 27:6-7

+ 30:5 1 Подш. 25:43

+ 30:7 1 Подш. 22:20, 1 Подш. 23:6, Хур. 28:6, 1 Подш. 2:18, 1 Подш. 23:9

+ 30:9 1 Подш. 23:13

+ 30:14 2 Подш. 8:18, 2 Подш. 15:18, 2 Подш. 20:7, 2 Подш. 20:23, 3 Подш. 1:38, 1 Вақ. 18:17, Ех. 14:14, 1 Подш. 27:10, 1 Вақ. 2:18-24

+ 30:15 Так. Шар. 23:15-16

+ 30:17 1 Вақ. 4:43

+ 30:24 Ад. 31:27, Ех. 22:8

+ 30:29 Дов. 1:16, 1 Подш. 27:10

● 31:1 *1 Вақ. 10:1-12*

+ 31:1 1 Подш. 28:4

+ 31:2 1 Подш. 14:49, 1 Вақ. 8:33, 1 Вақ. 9:39, 1 Вақ. 10:1

+ 31:4 Дов. 9:54, 2 Подш. 1:10

+ 31:9 2 Подш. 1:20

+ 31:10 Дов. 2:13, Ех. 17:11

+ 31:11 1 Подш. 11:1-11, 2 Подш. 21:10

+ 31:12 2 Подш. 21:12, 2 Вақ. 16:14, 2 Вақ. 21:19

*КИТОБИ*

# ДУЮМИ ПОДШОҲОН


1 2 3 4 5 6 7 8 9 10
11 12 13 14 15 16 17 18 19 20
21 22 23 24

## Довуд аз фавти Шоул хабар меёбад.

1 [1] Ва баъд аз фавти Шоул чунин воқеъ шуд, ки Довуд аз шикаст
додани амолеқиён баргашт; ва Довуд ду рӯз дар Сиқлоғ истод+.
[2] Ва дар рӯзи сеюм чунин воқеъ шуд, ки инак шахсе аз лашкаргоҳи
Шоул омад, дар ҳолате ки либосаш дарида ва хок бар сараш пошида
буд; ва ҳамин ки вай назди Довуд омад, бар замин афтода, ба ӯ саҷда
бурд.
[3] Ва Довуд ба вай гуфт: «Аз куҷо омадаӣ?» Вай ба ӯ гуфт: «Аз
лашкаргоҳи Исроил гурехтаам».
[4] Ва Довуд ба вай гуфт: «Чӣ воқеа рӯй додааст? Лутфан, ба ман
ҳикоят намо». Вай гуфт: «Қавм аз корзор рӯ ба гурез оварданд, ва низ
бисьёре аз миёни қавм фурӯ ғалтиданд ва мурданд, ва низ Шоул ва
писараш Йӯнотон мурданд».
[5] Ва Довуд ба ҷавоне ки ба ӯ ҳикоят мекард, гуфт: «Чӣ гуна
донистӣ, ки Шоул ва писараш Йӯнотон мурдаанд?».
[6] Ва ҷавоне ки ба ӯ ҳикоят мекард, гуфт: «Тасодуфан аз кӯҳи
Ҷилбӯа гузар мекардам, ва инак Шоул бар найзаи худ такья менамуд,
ва инак аробаҳо ва саворон ба ӯ наздик меомаданд,+
[7] Ва ӯ ба ақибаш рӯй гардонида, маро дид, ва маро даъват намуд,
ва ман гуфтам: „Лаббай“.
[8] Ва ӯ ба ман гуфт: „Ту кистӣ?“ Ва ман ба ӯ гуфтам: „Ман амолеқӣ
ҳастам“.
[9] Ва ӯ ба ман гуфт: „Лутфан, назди ман омада, маро бикуш, зеро
раъшаи саъб маро фаро гирифтааст, чунки ҷонам ҳанӯз дар ман
аст“+.
[10] Ва ман назди ӯ омада, ӯро куштам, зеро донистам, ки ӯ баъд аз
фурӯ ғалтиданаш зинда нахоҳад монд; ва афсареро, ки бар сараш буд,
ва бозубандеро, ки бар бозуяш буд, гирифта, онҳоро ба ин ҷо назди
оғоям овардам».
[11] Ва Довуд либосашро гирифта, дарронид, ва низ ҳамаи одамоне
ки бо ӯ буданд, чунин карданд+.
[12] Ва барои Шоул ва писараш Йӯнотон, ва барои қавми Худованд ва
тамоми хонадони Исроил навҳагарӣ карданд ва гиристанд ва то шом
рӯза доштанд, зеро ки ба дами шамшер афтода буданд.

13 Ва Довуд ба ҷавоне ки ба ӯ ҳикоят кард, гуфт: «Ту аз куҷо
ҳастӣ?» Вай гуфт: «Ман писари марди ғарибӣ амолеқӣ ҳастам».
14 Ва Довуд ба вай гуфт: «Чӣ гуна натарсидӣ, ки дасти худро дароз
карда, масеҳи Худовандро куштӣ?»+
15 Ва Довуд яке аз ҷавононро даъват намуда, гуфт: «Наздик омада,
варо зарба бизан». Ва ӯ варо зарба зад, ва вай мурд.
16 Ва Довуд ба вай гуфт: «Хунат бар гарданат, зеро ки даҳонат ба
муқобили ту шаҳодат дода, гуфт, ки „ман масеҳи Худовандро
куштам“».

## Марсияи Довуд дар бораи фавти Шоул ва Йӯнотон.

17 Ва Довуд дар бораи Шоул ва писараш Йӯнотон бо ин марсия
навҳа кард,
18 Ва гуфт: «Камондориро ба банӣ-Яҳудо таълим бояд дод; инак, он
дар китоби Ёшор навишта шудааст:
19 Ҳашамати ту, эй Исроил, бар баландиҳоят шаҳид гардид!
Паҳлавонон чӣ гуна фурӯ ғалтидаанд!
20 Дар Ҷат ҳикоят накунед,
дар кӯчаҳои Ашқалӯн башорат надиҳед,
мабодо духтарони фалиштӣ шодӣ кунанд,
мабодо духтарони номахтунон ба ваҷд оянд+.
21 Эй кӯҳҳои Ҷилбӯа!
Бигзор бар шумо на шабнам биборад ва на борон,
ва на киштзоре барои ҳадияҳо бошад,
зеро ки дар он ҷо сипари паҳлавонон,
сипари Шоул палид гардидааст,
бе он ки бо равған тадҳин карда шуда бошад+.
22 Камони Йӯнотон бе хуни шаҳидон,
бе чарбуи паҳлавонон ақиб нарафтааст,
ва шамшери Шоул тиҳӣ барнагаштааст.
23 Шоул ва Йӯнотон,
ки дар ҳаёти худ маҳбуб ва меҳрубон буданд,
дар мамоти худ низ аз якдигар ҷудо нашудаанд;
аз уқобон чобуктар, аз шерон пурзӯртар буданд.
24 Эй духтарони Исроил! Барои Шоул гирья кунед,
ки ӯ шуморо куртаҳои арғувониранг ва асбоби зинат мепӯшонид,

ва зевари тилло бар либосатон мегузошт.
25 Паҳлавонон андаруни корзор чӣ гуна фурӯ ғалтидаанд!
Эй Йӯнотон, ту бар баландиҳои худ шаҳид шудаӣ.
26 Ман барои ту андӯҳгинам, эй бародарам Йӯнотон!
Ту бо ман бағоят меҳрубон будӣ;
муҳаббати ту барои ман пурзӯртар аз муҳаббати занон буд+.
27 Паҳлавонон чӣ гуна фурӯ ғалтидаанд,
ва қуввати ҳарбӣ чӣ гуна талаф гардидааст!»

## Мардони Яҳудо Довудро ҳамчун подшоҳ пешвоз мегиранд.

**2** [1] Ва баъд аз он чунин воқеъ шуд, ки Довуд аз Худованд пурсида,
гуфт: «Оё ба яке аз шаҳрҳои Яҳудо бароям?» Ва Худованд ба ӯ
гуфт: «Баро». Ва Довуд гуфт: «Ба куҷо бароям?» Гуфт: «Ба Ҳебрӯн»+.
[2] Ва Довуд ба он ҷо баромад, ва ду занаш низ: Аҳинӯами изреъилӣ
ва Абиҷайл, зани Ноболи кармилӣ+.
[3] Ва Довуд одамонеро, ки бо ӯ буданд, бо аҳли байти ҳар яке
баровард, ва онҳо дар шаҳрҳои Ҳебрӯн сокин шуданд+.
[4] Ва мардони Яҳудо омада, дар он ҷо Довудро тадҳин намуданд, то
ки бар хонадони Яҳудо подшоҳ бошад; ва ба Довуд хабар дода,
гуфтанд: «Мардуми Ёбиш-Ҷилъод Шоулро дафн карданд»+.
[5] Ва Довуд қосидонро назди мардуми Ёбиш-Ҷилъод фиристода, ба
онҳо гуфт: «Шумо аз ҷониби Худованд муборак бошед, барои он ки ба
оғои худ Шоул чунин эҳсон намуда, ӯро дафн кардаед.
[6] Ва алҳол бигзор Худованд ба шумо бо эҳсон ва садоқат подош
диҳад; ва ман низ ба шумо чунин некӣ хоҳам намуд, барои он ки ин
корро кардаед.
[7] Ва алҳол бигзор дастҳои шумо қавӣ бошад, ва шумо далер бошед,
зеро ки оғои шумо Шоул мурдааст; ва низ маро хонадони Яҳудо бар
худ ба подшоҳӣ тадҳин карданд».

## Абнир Ишбӯшетро бар ёздаҳ сибт подшоҳ мегардонад.

[8] Валекин Абнир ибни Нир, ки сарлашкари Шоул буд, писари
Шоул Ишбӯшетро гирифта, ӯро ба Маҳаноим гузаронид+.
[9] Ва ӯро бар Ҷилъод, ва бар Ашурӣ, ва бар Изреъил, ва бар Эфроим,
ва бар Биньёмин, ва бар тамоми Исроил подшоҳ гардонид.
[10] Ишбӯшет ибни Шоул, вақте ки бар Исроил подшоҳ гардид,
чилсола буд, ва ду сол подшоҳӣ кард; фақат хонадони Яҳудо дар
тобеияти Довуд буданд.
[11] Ва муддати айёме ки Довуд дар Ҳебрӯн бар хонадони Яҳудо
подшоҳ буд, ҳафт сол ва шаш моҳ буд+.
[12] Ва Абнир ибни Нир ва навкарони Ишбӯшет ибни Шоул аз
Маҳаноим ба Ҷибъӯн берун омаданд.
[13] Ва Юоб ибни Саруё ва навкарони Довуд берун омада, назди
ҳавзи Ҷибъӯн бо онҳо вохӯрданд; ва инҳо дар ин тарафи ҳавз, ва онҳо

дар он тарафи ҳавз ҷойгир шуданд+.
14 Ва Абнир ба Юоб гуфт: «Бигзор ҷавонон бархезанд ва пеши мо
бозӣ кунанд». Ва Юоб гуфт: «Бигзор бархезанд».
15 Ва онҳо бархоста, мувофиқи шумора убур карданд: дувоздаҳ
нафар барои Биньёмин ва барои Ишбӯшет ибни Шоул, ва дувоздаҳ
нафар аз навкарони Довуд.
16 Ва ҳар яке сари ҳарифашро дошта, шамшери худро ба биқини
вай зад, ва якҷоя фурӯ ғалтиданд. Ва ба ин сабаб он макон, ки дар
Ҷибъӯн аст, Ҳелқат-Ҳасурим* номида шудааст.
17 Ва дар он рӯз ҳарбу зарби бағоят сахте ба амал омад; ва Абнир ва
мардони Исроил пеши навкарони Довуд мағлуб гардиданд.
18 Ва се писари Саруё: Юоб ва Абишой ва Асоил дар он ҷо буданд;
ва Асоил мисли оҳуи саҳро тезпо буд+.
19 Ва Асоил Абнирро таъқиб намуд, ва дар дунболагирии Абнир ба
тарафи рост ё чап майл накард.
20 Ва Абнир ба ақиб назар андохта, гуфт: «Оё ин туӣ, Асоил?» Гуфт:
«Манам».
21 Ва Абнир ба ӯ гуфт: «Ба тарафи рост ё чапи худ майл карда, яке
аз ин ҷавононро дастгир намо ва либосу аслиҳаи варо барои худ
бигир». Вале Асоил нахост, ки аз ақиби ӯ давиданашро бас кунад.
22 Ва бори дигар Абнир ба Асоил гуфт: «Аз ақиби ман давиданатро
бас кун, мабодо туро зада, ба замин ғалтонам; ва ман чӣ гуна рӯи
худро ба бародарат Юоб нишон медиҳам?»
23 Вале ӯ давиданро бас накард, ва Абнир ӯро бо кунӣ найзаи худ
ба шикамаш зад, ва найза аз пушташ зада баромад, ва ӯ дар он ҷо
афтода, ҷо ба ҷо мурд. Ва ҳар кас, ки ба макони афтодану мурдани
Асоил меомад, ҳайрон шуда меистод.
24 Ва Юоб ва Абишой Абнирро таъқиб карданд, ва баробари фурӯ
рафтани офтоб онҳо ба тали Аммо, ки рӯ ба рӯи Ҷиҳа мебошад, бо
роҳи биёбони Ҷибъӯн расиданд.
25 Ва банӣ-Биньёмин назди Абнир ҷамъ омада, як гурӯҳ шуданд, ва
бар қуллаи як тал биистоданд.
26 Ва Абнир Юобро даъват намуда, гуфт: «Оё шамшер то абад ба
ҳалокат расонад? Оё намедонӣ, ки оқибати кор ба талхӣ хоҳад

анҷомид? Ва то ба кай ба қавм намегӯӣ, ки бародарони худро дигар
дунболагирӣ накунанд?»
27 Ва Юоб гуфт: «Касам ба ҳаёти Худо, ки агар ту он суханонро
намегуфтӣ, аз худи субҳ қавм дунболагирии бародарони худро бас
мекарданд».
28 Ва Юоб шох навохт, ва тамоми қавм биистоданд, ва
исроилиёнро дигар таъқиб накарданд, ва ҷангро дигар давом
надоданд.
29 Ва Абнир ва одамонаш тамоми он шаб дар сахро роҳ рафта, аз
Урдун гузаштанд ва тамоми Битрунро тай карда, ба Маҳаноим
омаданд.
30 Ва Юоб аз дунаболагирии Абнир баргашта, тамоми қавмро ҷамъ
кард, ва аз навкарони Довуд, ғайр аз Асоил, нуздаҳ нафар кам буданд.
31 Ва навкарони Довуд биньёминиён ва одамони Абнирро зарба
заданд, ки аз онҳо сесаду шаст нафар мурданд.
32 Ва Асоилро бардошта бурданд, ва ӯро дар мақбараи падараш, ки
дар Байт-Лаҳм аст, дафн карданд; ва Юоб ва одамонаш тамоми шаб
роҳ паймуда, баробари дамидани субҳ ба Ҳебрӯн расиданд.

## Хонаводаи Довуд дар Ҳебрӯн.

**3** [1] •Ва дар миёни хонадони Шоул ва хонадони Довуд ҷанг айёми
зиёде давом кард; ва Довуд торафт қудрат меёфт, вале хонадони
Шоул торафт суст мешуданд.
[2] Ва барои Довуд дар Ҳебрӯн писарон таваллуд ёфтанд; ва
нахустзодаи ӯ Амнӯн аз Аҳинӯами изреъилӣ буд;+
[3] Ва дуюмаш — Килъоб аз Абиҷайл, зани Ноболи кармилӣ; ва
сеюмаш — Абшолӯм ибни Маъко, ки вай духтари Талмой, подшоҳи
Ҷашур, буд+.
[4] Ва чорумаш — Адӯниё ибни Ҳаҷҷит; ва панҷумаш — Шафатьё
ибни Абитол;+
[5] Ва шашумаш — Йитром аз Эҷло, зани Довуд; инҳо барои Довуд
дар Ҳебрӯн таваллуд ёфтанд.
[6] Ва ҳангоме ки ҷанг дар миёни хонадони Шоул ва хонадони
Довуд давом мекард, таъсири Абнир дар хонадони Шоул зиёдтар
мешуд.

## Абнир Довудро тарафдорӣ кард.

[7] Ва Шоул суррияе дошт, ки номаш Рисфо бинти Айё буд; ва
Ишбӯшет ба Абнир гуфт: «Чаро назди суррияи падарам даромадӣ?»+
[8] Ва Абнир аз суханони Ишбӯшет бағоят хашмгин шуда, гуфт: «Оё
ман каллаи саге дар Яҳудо ҳастам? Ман имрӯз ба хонадони падарат
Шоул, ва ба бародарон ва дӯстонаш эҳсон намудаам ва туро ба дасти
Довуд насупурдаам, ва ту имрӯз барои ин зан гуноҳе ба гардани ман
бор мекунӣ?
[9] Худо ба Абнир чунин ва зиёда аз ин бикунад, агар ман он чиро,
ки Худованд барои Довуд қасам хӯрдааст, барояш ба амал наоварам,+
[10] То ки салтанатро аз хонадони Шоул гузаронида, тахти Довудро
бар Исроил ва бар Яҳудо, аз Дон то Беэр-Шобаъ, барқарор намоям»+.
[11] Ва Ишбӯшет дигар натавонист дар ҷавоби Абнир чизе гӯяд,
чунки аз вай метарсид.
[12] Ва Абнир дарҳол қосидонро назди Довуд фиристода, гуфт: «Ин
замин аз они кист? Бинобар ин ту бо ман аҳд бибанд, ва инак, дасти
ман бо ту хоҳад буд, то ки тамоми Исроилро ба тарафи ту
бигзаронам».

13 Ва Довуд гуфт: «Хуб шудааст, ман бо ту аҳд хоҳам баст, аммо як
чизро ман аз ту металабам, яъне: ту рӯи маро нахоҳӣ дид, агар аввал,
вақте ки барои дидани ман биёӣ, Микал бинти Шоулро бо худ
наоварӣ»+.
14 Ва Довуд қосидонро назди Ишбӯшет ибни Шоул фиристода,
гуфт: «Зани ман Микалро, ки дар ивази сад ғилофаки фалиштиён
барои худ гирифтаам, бидеҳ»+.
15 Ва Ишбӯшет фиристода, варо аз шавҳараш, аз Фалтиил ибни
Лоиш гирифт+.
16 Ва шавҳараш ҳамроҳаш рафта, дар ақибаш гирьякунон то
Баҳурим қадам зад; ва Абнир ба ӯ гуфт: «Гашта рав!» Ва ӯ баргашт.
17 Ва Абнир ба пирони Исроил сухан ронда, гуфт: «Ҳам дирӯз ва
ҳам парирӯз шумо талабгори он будед, ки Довуд бар шумо подшоҳ
бошад.
18 Ва алҳол инро ба амал оваред, зеро ки Худованд ба Довуд сухан
ронда, гуфтааст: „Ба воситаи бандаам Довуд қавми худ Исроилро аз
дасти фалиштиён ва аз дасти ҳамаи душманонашон наҷот хоҳам
дод“».
19 Ва Абнир ба гӯши биньёминиён низ ин суханонро гуфт; ва
Абнир ба Ҳебрӯн низ рафт, то он чиро, ки дар назари Исроил ва дар
назари тамоми хонадони Биньёмин хуб аст, ба гӯши Довуд бигӯяд.
20 Ва Абнир назди Довуд ба Ҳебрӯн омад, ва бист мард ҳамроҳи ӯ
буданд, ва Довуд барои Абнир ва мардоне ки ҳамроҳаш буданд,
зиёфате орост.
21 Ва Абнир ба Довуд гуфт: «Бархоста, меравам ва тамоми
Исроилро назди оғоям подшоҳ ҷамъ меоварам, ва онҳо бо ту аҳд
хоҳанд баст, ва ту ба муддаои табъи худ подшоҳӣ хоҳӣ кард». Ва
Довуд Абнирро фиристод, ва ӯ ба саломатӣ бирафт.
22 Ва инак, навкарони Довуд бо Юоб аз тохтутоз баргаштанд, ва
ғанимати зиёде бо худ оварданд; ва Абнир назди Довуд дар Ҳебрӯн
набуд, зеро ӯро фиристода буд, ва ӯ ба саломатӣ рафта буд.
23 Ва ҳангоме ки Юоб ва тамоми лашкаре ки бо ӯ буданд, омаданд,
ба Юоб хабар дода, гуфтанд: «Абнир ибни Нир назди подшоҳ омада
буд, ва ӯро фиристод, ва ӯ ба саломатӣ бирафт».
24 Ва Юоб назди подшоҳ омада, гуфт: «Чӣ кардӣ? Инак, Абнир
назди ту омадааст; чаро ӯро фиристодаӣ, ва ӯ рафтааст?

25 Ту, охир, Абнир ибни Нирро медонӣ, ки ӯ омадааст, то ки туро
фиреб диҳад, ва аз даробарои ту вуқуф ёбад, ва аз ҳар коре ки ту
мекунӣ, хабардор шавад».
26 Ва Юоб аз пеши Довуд баромада, қосидонро аз паи Абнир
фиристод, ва онҳо ӯро аз Бӯр-Сиро баргардониданд, дар сурате ки
Довуд аз ин бехабар буд.

## Юоб Абнирро мекушад.

27 Ва ҳангоме ки Абнир ба Ҳебрӯн баргашт, Юоб ӯро андаруни
дарвоза ба каноре бурд, то ки бо ӯ махфиёна сухан ронад, ва дар он
ҷо, барои хуни бародараш Асоил, ба шиками ӯ зарба зад, ва ӯ мурд+.
28 Ва Довуд баъд аз он шунида, гуфт: «Ман ва салтанати ман ба
ҳузури Худованд аз хуни Абнир ибни Нир то абад барӣ ҳастем.
29 Бигзор он бар сари Юоб ва тамоми хонадони падараш афтад; ва
бигзор каси гирифтори сӯзок, ва каси махавӣ, ва каси бар асо
такьякунанда, ва каси ба дами шамшер афтанда, ва каси мӯҳтоҷи нон
аз хонадони Юоб ҳаргиз кам нашавад»+.
30 Ва Юоб ва бародараш Абишой Абнирро барои он куштанд, ки ӯ
бародарашон Асоилро дар ҷанги назди Ҷибъӯн кушта буд+.
31 Ва Довуд ба Юоб ва тамоми қавме ки бо ӯ буданд, гуфт: «Либоси
худро дарронида ва палос пӯшида, барои Абнир навҳа намоед». Ва
подшоҳ Довуд аз ақиби тобут равона шуд.
32 Ва Абнирро дар Ҳебрӯн дафн карданд; ва подшоҳ овози худро
баланд карда, назди қабри Абнир гирист, ва тамоми қавм гиристанд.
33 Ва подшоҳ барои Абнир марсия хонда, гуфт:
«Наход ки Абнир мисли як сафиле бимирад?
34 Дастҳоят баста нашудааст, ва пойҳоят завлона зада нашудааст,
ту мисли касе ки аз дасти бадкирдорон афтода бошад, афтодаӣ!»
Ва тамоми қавм боз барои ӯ гиристанд.
35 Ва тамоми қавм омаданд, то ки Довудро нон бихӯронанд, дар
сурате ки ҳанӯз рӯз буд; вале Довуд қасам хӯрда, гуфт: «Худо бо ман
чунин ва зиёда аз ин бикунад, агар ман пеш аз фурӯ рафтани офтоб
нон ё чизи дигаре бихӯрам».
36 Ва тамоми қавм инро дарк карданд, ва ин ба назарашон писанд
омад, чунон ки ҳар чи подшоҳ мекард, ба назари тамоми қавм
писанд меомад.

37 Ва тамоми қавм ва тамоми Исроил дар он рӯз донистанд, ки
куштани Абнир ибни Нир аз ҷониби Довуд набуд.
38 Ва подшоҳ ба навкаронаш гуфт: «Шумо, охир, медонед, ки
сарвар ва марди бузурге имрӯз дар Исроил фурӯ ғалтидааст.
39 Вале ман имрӯз суст ҳастам, агарчи ба подшоҳӣ тадҳин карда
шудаам, ва ҳол он ки ин одамон, писарони Саруё, аз ман қавитаранд;
бигзор Худованд ба бадкор бар тибқи бадкирдории вай подош
диҳад»+.

## Кушта шудани Ишбӯшет.

**4** 1 Ва чун ибни Шоул шунид, ки Абнир дар Ҳебрӯн мурдааст,
дастҳояш суст шуд, ва тамоми Исроил ба изтироб омаданд.
2 Ва ибни Шоул ду марде дошт, ки сардорони фавҷҳо буданд; номи
яке Баано ва номи дигаре Рекоб буда, онҳо писарони Риммӯни
баэрӯтӣ, аз банӣ-Биньёмин буданд, зеро ки Баэрӯт низ ба Биньёмин
тааллуқ дошт+.
3 Ва баэрӯтиён ба Ҷиттоим гурехта рафтанд, ва то имрӯз дар он ҷо
иқомат доранд+.
4 Ва Йӯнотон ибни Шоул писари ланге дошт; ӯ панҷсола буд, ки
хабари Шоул ва Йӯнотон аз Изреъил расид, ва дояаш ӯро бардошта
гурехт, ва ҳангоме ки вай ба гурехтан шитоб менамуд, ӯ афтода, ланг
шуд; ва номаш Мефибӯшет буд+.
5 Ва писарони Риммӯни баэрӯтӣ, Рекоб ва Баано, рафта, дар вақти
гармии рӯз ба хонаи Ишбӯшет расиданд; ва ӯ дар хоби пешинӣ буд.
6 Ва онҳо бо баҳонаи гирифтани гандум ба даруни хона даромада,
ба шиками ӯ зарба заданд; ва Рекоб ва бародараш Баано гурехтанд.
7 Вақте ки ба хона даромаданд, ӯ дар хонаи хоб бар бистараш
хобида буд, ва онҳо ӯро зарба зада, куштанд, ва сарашро аз танаш
ҷудо карда, гирифтанд, ва тамоми шаб дар саҳро роҳ паймуданд.
8 Ва сари Ишбӯшетро назди Довуд ба Ҳебрӯн оварда, ба подшоҳ
гуфтанд: «Инак сари Ишбӯшет ибни Шоули душманат, ки қасди ҷони
ту дошт; ва имрӯз Худованд интиқоми оғои мо подшоҳро аз Шоул ва
насли вай гирифтааст».
9 Ва Довуд ба Рекоб ва бародараш Баано, писарони Риммӯни
баэрӯтӣ, ҷавоб гардонда, ба онҳо гуфт: «Қасам ба ҳаёти Худованд, ки
ҷони маро аз ҳар тангӣ раҳонидааст!+
10 Ҳангоме ки шахсе ба ман хабар дода, гуфт: „Инак, Шоул
мурдааст“, ва худро муждавар мепиндошт, ман варо гирифта, дар
Сиқлоҷ куштам, ва ҳол он ки вай умедвор буд, ки ман ба вай
муждагонӣ хоҳам дод,+
11 Алалхусус ҳоло, ки шахсони шарир марди бегуноҳро дар хонааш
бар бистараш куштаанд, наход ки ман хуни ӯро аз дасти шумо талаб
накунам, ва шуморо аз рӯи замин маҳв нанамоям?»

[12] Ва Довуд ба навкаронаш амр фармуд, ва онҳоро кушта, дастҳо ва
пойҳошонро қатъ карданд, ҷасадҳошонро назди ҳавзи Ҳебрӯн
овехтанд; ва сари Ишбӯшетро гирифта, дар қабри Абнир дар Ҳебрӯн
дафн карданд.

## Довуд бар Исроил подшоҳ мешавад.

5 1 •Ва ҳамаи сибтҳои Исроил назди Довуд ба Ҳебрӯн омаданд, ва
сухан ронда, гуфтанд: «Инак, мо устухон ва гӯшти ту ҳастем.
2 Дирӯз ва парирӯз низ, вақте ки Шоул бар мо подшоҳ буд, ту
Исроилро берун мебурдӣ ва андарун меовардӣ; ва Худованд ба ту
гуфта буд: „Ту қавми Ман Исроилро хоҳӣ чаронид, ва ту бар Исроил
раис хоҳӣ буд“»+.
3 Ва ҳамаи пирони Исроил назди подшоҳ ба Ҳебрӯн омаданд, ва
подшоҳ Довуд бо онҳо дар Ҳебрӯн ба ҳузури Худованд аҳд баст; ва
Довудро ба подшоҳӣ бар Исроил тадҳин карданд.
4 Довуд, вақте ки подшоҳ шуд, сисола буд; чил сол подшоҳӣ кард+.
5 Дар Ҳебрӯн ҳафт солу шаш моҳ бар Яҳудо подшоҳӣ кард, ва дар
Ерусалим сию се сол бар тамоми Исроил ва Яҳудо подшоҳӣ кард+.

## Ерусалим — пойтахти мамлакати муттаҳида.

6 •Ва подшоҳ бо одамонаш ба Ерусалим ба муқобили ябусиён, ки
сокинони ин замин буданд, рафт, вале онҳо ба Довуд сухан ронда,
гуфтанд: «Ба ин ҷо дохил нахоҳӣ шуд, магар ин ки аввал кӯрон ва
лангонро дур созӣ», яъне: «Довуд ба ин ҷо дохил нахоҳад шуд»+.
7 Ва Довуд қалъаи Сионро забт кард, ки ҳамон шаҳри Довуд аст.
8 Ва Довуд дар он рӯз гуфт: «Хар кӣ ябусиёнро бизанад ва ба
қубури обгузар бирасад, бигзор лангон ва кӯронро низ, ки барои
ҷони Довуд манфур ҳастанд, бизанад». Бинобар ин мегӯянд: «Кӯр ва
ланг ба хона дохил нахоҳанд шуд».
9 Ва Довуд дар қалъа сокин шуд, ва онро шаҳри Довуд номид; ва
Довуд гирдогирди он, аз Миллӯ гирифта то андаруни шаҳр, ҳисор
бино кард+.
10 Ва Довуд торафт бештар комьёб ва бузург мегардид, ва Худованд
Худои лашкарҳо бо ӯ буд+.
11 •Ва Ҳиром, подшоҳи Сӯр, назди Довуд қосидон, ва дарахтони
арз, ва наҷҷорон ва сангтарошонро фиристод, ва онҳо барои Довуд
хона бино карданд+.
12 Ва Довуд дарк намуд, ки Худованд ӯро ба подшоҳӣ бар Исроил
устувор гардонидааст, ва салтанати ӯро ба хотири қавми Худ Исроил

баланд бардоштааст.
13 Ва Довуд, баъд аз он ки аз Ҳебрӯн омад, боз сурриягон ва занон
аз Ерусалим гирифт; ва боз барои Довуд писарон ва духтарон
таваллуд ёфтанд.
14 Ва ин аст номҳои онҳое ки барои ӯ дар Ерусалим таваллуд
ёфтанд: Шамуа, ва Шубоб, ва Нотон, ва Сулаймон,+
15 Ва Йибҳор, ва Элишуа, ва Нофаг, ва Ёфиа,
16 Ва Элишомаъ, ва Эльёдоъ, ва Элифолат.

## Ҷанг бо фалиштиён.

17 •Ва чун фалиштиён шуниданд, ки Довудро ба подшоҳӣ бар
Исроил тадҳин намудаанд, ҳамаи фалиштиён баромаданд, то ки
Довудро биҷӯянд; ва Довуд инро шунида, ба қалъа фурӯд омад.
18 Ва фалиштиён омада, дар водии Рафоим ҷойгир шуданд+.
19 Ва Довуд аз Худованд пурсида, гуфт: «Оё ба муқобили
фалиштиён бароям? Оё онҳоро ба дасти ман хоҳӣ супурд?» Ва
Худованд ба Довуд гуфт: «Баро, зеро ки фалиштиёнро ҳатман ба
дастат хоҳам супурд».
20 Ва Довуд ба Баал-Форосим омад, ва дар он ҷо Довуд ба онҳо
шикаст расонда, гуфт: «Худованд душманонамро аз пешам маҳв
намуд, чунон ки селоб маҳв менамояд». Бинобар ин номи он макон
Баал-Форосим хонда шудааст+.
21 Ва бутҳои худро дар он ҷо партофта рафтанд, ва Довуд ва
одамонаш онҳоро бардошта бурданд.
22 Ва бори дигар фалиштиён баромада, дар водии Рафоим ҷойгир
шуданд.
23 Ва Довуд аз Худованд пурсид, ва Ӯ гуфт: «Набаро, балки аз
ақибашон давр зада, аз ҷониби дарахтони тут ба онҳо наздик шав,
24 Ва ҳамин ки акси садои қадамҳоро дар сари дарахтони тут
бишнавӣ, дарҳол ба ҳуҷум шитоб намо, зеро ки он гоҳ Худованд
пешопеши ту берун хоҳад омад, то ки ба лашкари фалиштиён шикаст
расонад»+.
25 Ва Довудончунон, ки Худованд ба ӯ амр фармуд, амал намуд, ва
ба фалиштиён аз Ҷабъа то даромадгоҳи Ҷозар зарба расонид.

## Ғамхории Довуд дар бораи овардани сандуқи Худо ба Ерусалим.

6 [1] •Ва бори дигар Довуд ҳамаи гузинони Исроилро ба миқдори
сӣ ҳазор нафар ҷамъ кард.
[2] Ва Довуд ва тамоми қавме ки ҳамроҳаш буданд, бархоста, аз
Баалои Яҳудо равона шуданд, то ки сандуқи Худоро аз он ҷо биёранд,
ки он ба исми Худованди лашкарҳо, ки бар каррубиён нишастааст,
номида шуда буд+.
[3] Ва сандуқи Худоро бар аробаи нав гузоштанд, ва онро аз хонаи
Аминодоб, ки дар Ҷабъа мебошад, баровარданд, ва Уззо ва Аҳью,
писарони Аминодоб, аробаи навро меронданд+.
[4] Ва онро аз хонаи Аминодоб, ки дар Ҷабъа аст, бо сандуқи Худо
баровარданд, ва Аҳью пешопеши сандуқ мерафт.
[5] Ва Довуд ва тамоми хонадони Исроил бо ҳар навъ асбоби чӯби
сарв: бо барбат, ва уд, ва даф, ва дуҳул, ва шақшақаҳо ба ҳузури
Худованд бозӣ мекарданд.
[6] Ва ҳангоме ки ба хирмангоҳи Нокӯн расиданд, Уззо дасташро ба
сандуқи Худо дароз карда, онро нигоҳ дошт, зеро ки говон онро
яктарафа гардонида, моил ба афтодан карда буданд+.
[7] Ва хашми Худованд бар Уззо аланга зада, Худо ӯро дар он ҷо
барои дастдарозияш зарба зад, ва ӯ дар он ҷо назди сандуқи Худо
мурд.
[8] Ва Довуд ғамгин шуд, ки Худованд Уззоро зарба зад; ва он макон
то имрӯз Форас-Уззо номида мешавад.
[9] Ва Довуд дар он рӯз аз Худованд тарсида, гуфт: «Сандуқи
Худованд назди ман чӣ гуна биёяд?»
[10] Ва Довуд нахост, ки сандуқи Худовандро назди худ ба шаҳри
Довуд бибарад; ва Довуд онро ба хонаи Убайд-Адӯми ҷаттӣ равона
кард.
[11] Ва сандуқи Худованд дар хонаи Убайд-Адӯми ҷаттӣ се моҳ
монд; ва Худованд Убайд-Адӯм ва тамоми хонадони ӯро баракат
дод+.

## Овардани сандуқ.

12 Ва ба подшоҳ Довуд хабар дода, гуфтанд: «Худованд хонадони
Убайд-Адӯм ва тамоми дороии ӯро барои сандуқи Худо баракат
додааст». Ва Довуд рафта, сандуқи Худоро аз хонаи Убайд-Адӯм бо
шодӣ ба шаҳри Довуд овард.
13 Ва ҳамин ки бардорандагони сандуқи Худованд шаш қадам роҳ
рафтанд, ӯ гов ва қӯчқоре қурбонӣ кард.
14 Ва Довуд бо тамоми қувваташ ба ҳузури Худованд мерақсид, ва
Довуд эфӯди катон дар бар карда буд+.
15 Ва Довуд ва тамоми хонадони Исроил сандуқи Худовандро бо
нидои шодӣ ва садои шох бардошта бурданд.
16 Ва ҳангоме ки сандуқи Худованд ба шаҳри Довуд дохил мешуд,
Микал бинти Шоул аз тиреза нигоҳ карда, подшоҳ Довудро дид, ки ба
ҳузури Худованд ҷастухез ва рақс мекунад, ва дар дили худ аз ӯ
нафрат намуд+.
17 Ва сандуқи Худовандро оварда, андаруни хаймае ки Довуд
барои он барпо карда буд, онро дар маконаш гузоштанд; ва Довуд ба
ҳузури Худованд қурбониҳои сӯхтанӣ ва қурбониҳои саломатӣ
овард+.
18 Вақте ки Довуд овардани қурбониҳои сӯхтанӣ ва қурбониҳои
саломатиро ба анҷом расонид, қавмро ба исми Худованди лашкарҳо
баракат дод+.
19 Ва ба тамоми қавм, ба тамоми оммаи Исроил, аз мард то зан, ба
ҳар кас якто нон, як порча гӯшт ва як кулчаи мавизӣ тақсим карда
дод; ва тамоми қавм хона ба хона рафтанд.
20 Ва Довуд баргашт, то ки аҳли байти худро баракат диҳад; ва
Микал бинти Шоул ба пешвози Довуд баромада, гуфт: «Подшоҳи
Исроил имрӯз чӣ қадар иззат ёфт, вақте ки худро пеши назари
канизон ва навкаронаш бараҳна кард, чунон ки як шахси бемулоҳиза
худро бараҳна мекунад».
21 Ва Довуд ба Микал гуфт: «Ин ба ҳузури Худованд буд, ки Ӯ маро
назар ба падарат ва тамоми хонадонаш бартарӣ дод, то ки маро бар
қавми Худованд, бар Исроил раис гардонад; ва ман ба ҳузури
Худованд рақсу бозӣ хоҳам кард+.

22 Ва аз ин ҳам зиёдтар худро ночиз хоҳам гардонид, ва дар назари
худам сафил хоҳам шуд, вале пеши канизон, ки ту дар бораи онҳо
сухан рондӣ, — пеши онҳо ман иззат хоҳам ёфт».
23 Ва Микал бинти Шоул то рӯзи вафоташ фарзанд надошт.

## Довуд ният дорад, ки маъбад бино кунад.

7 1 •Ва ҳангоме ки подшоҳ дар хонаи худ менишаст, ва Худованд
ӯро аз душманони гирду пешаш ором карда буд,
2 Подшоҳ ба Нотони набӣ гуфт: «Лутфан, бубин, ки ман дар хонаи
арзӣ сокин ҳастам, вале сандуқи Худо андаруни чодаре сокин аст»+.
3 Ва Нотон ба подшоҳ гуфт: «Ҳар он чи дар дилат бошад, бирав, ба
амал овар, зеро ки Худованд бо туст».

## Аҳди Худо бо Довуд.

4 Вале дар ҳамон шаб каломи Худованд бар Нотон нозил шуда,
гуфт:
5 «Рафта, ба бандаи Ман Довуд бигӯй: Худованд чунин мегӯяд: „оё
ту хонае барои сукунати Ман бино мекунӣ?
6 Ман, охир, аз рӯзе ки банӣ-Исроилро аз Миср берун овардаам, то
имрӯз дар хонае сокин нашудаам, балки дар хайма ва маскане
гардиш кардаам.
7 Дар ҳар ҷое ки бо тамоми банӣ-Исроил гардиш кардаам, оё ба
ягон пешвои Исроил, ки чаронидани қавми Худ Исроилро ба вай амр
фармуда будам, сухане ба забон ронда, гуфтаам: чаро барои ман
хонаи арзӣ бино накардаед“?
8 Ва алҳол ба бандаи Ман Довуд чунин бигӯй: „Худованди
лашкарҳо чунин мегӯяд: Ман туро аз чарогоҳ, аз ақиби гӯсфандон
гирифтам, то ки бар қавми Ман Исроил раис бошӣ+.
9 Ва ба ҳар ҷое ки мерафтӣ, бо ту будам, ва ҳамаи душманонатро
аз пеши ту маҳв намудам, ва барои ту номи бузурге, мисли номи
бузургоне ки дар дуньё ҳастанд, ба вуҷуд овардам+.
10 Ва барои қавми Худ Исроил макони муқаррар намудам, ва
онҳоро шинондам, то ки дар он сокин гардида, дигар безобита
нашаванд, ва бадкорон дигар онҳоро ба танг наоваранд, мисли он ки
дар замони пеш буд,+
11 Ва мисли айёме ки доваронро бар қавми Худ Исроил таъин
карда будам; ва Ман ба ту аз ҳамаи душманонат оромӣ додаам; ва
Худованд ба ту хабар медиҳад, ки Худованд барои ту хона бино хоҳад
кард.

12 Ва ҳангоме ки рӯзҳои ту анҷом ёфта, ту бо падарони худ бихобӣ,
Ман насли туро, ки аз камари ту берун ояд, баъд аз ту пойдор
гардонида, салтанати варо мустаҳкам хоҳам намуд+.
13 Вай ба исми Ман хона бино хоҳад кард; ва Ман тахти салтанати
варо то абад пойдор хоҳам гардонид+.
14 Ман барои вай падар хоҳам буд, ва вай барои Ман писар хоҳад
буд, ва агар вай гуноҳ кунад, Ман варо бо калтаки мардон ва бо
зарбаҳои банӣ-одам ҷазо хоҳам дод+.
15 Вале марҳамати Ман аз вай дур нахоҳад шуд, чунон ки онро аз
Шоул дур карда, ӯро барои ту рад намудам.
16 Ва хонаи ту ва салтанати ту ба ҳузурат то абад қоим хоҳад буд;
тахти ту то абад пойдор хоҳад буд“»+.
17 Ҳамаи ин суханон ва тамоми ин рӯъёро Нотон ба Довуд ҳикоят
кард.

## Дуои Довуд.

18 •Ва подшоҳ Довуд омада, ба ҳузури Худованд нишаст, ва гуфт:
«Эй Худованд Худо, ман кистам ва хонаи ман чист, ки маро ба ин
мартаба расондаӣ?
19 Ва ин боз дар назарат, эй Худованд Худо, кам намудааст, ва Ту
дар бораи ояндаи дури хонадони бандаат низ сухан рондаӣ; оё ин
мартабаи баланди одам нест, эй Худованд Худо?
20 Ва Довуд дигар ба Ту чӣ метавонад бигӯяд? Ту, охир, бандаи
Худро мешиносӣ, эй Худованд Худо!
21 Ба хотири каломи Худ ва бар тибқи дили Худ тамоми ин
бузургиро ба амал овардаӣ, то ки бандаи Худро огоҳ намоӣ.
22 Бинобар ин Ту, эй Худованд Худо, бузург ҳастӣ, зеро мувофиқи
ҳар он чи мо бо гӯшҳои худ шунидаем, чизе монанди Ту нест, ва ҷуз
аз Ту Худое нест+.
23 Ва кист, ки мисли қавми Ту Исроил бошад, ки онҳо бар рӯи
замин қавми ягонае ҳастанд, ки аз барояшон Худо омадааст, то ки
онҳоро фидия дода гирифта, барои Худ қавм гардонад ва исме барои
Худ пайдо кунад, ва корҳои бузурге барои онҳо ва корҳои саҳмгине
барои замини Худ ба ҷо оварад, то ки Ту халқҳо ва худоёни онҳоро аз

пеши қавми Худ, ки аз Миср барои Худ фидия дода гирифтаӣ, бадар
биронӣ+.
24 Ва қавми Худ Исроилро барои Худ пойдор гардондӣ, то ки онҳо
то абад қавми Ту бошанд, ва Ту, эй Худованд, Худои онҳо шудӣ.
25 Ва алҳол, эй Худованд Худо, каломеро, ки дар бораи бандаи Худ
ва хонадони вай ба забон рондаӣ, то абад пойдор гардон, ва он чи
гуфтаӣ, ба ҷо овар.
26 Ва исми Ту бигзор то абад муаззам бошад, то бигӯянд:
„Худованди лашкарҳо Худо бар Исроил аст“. Ва хонадони бандаат
Довуд бигзор ба ҳузури ту пойдор бошад.
27 Азбаски Ту, эй Худованди лашкарҳо, Худои Исроил, гӯшраси
бандаи Худ намуда, гуфтаӣ: „Барои ту хонае бино хоҳам кард“,
бинобар ин бандаат дар дили худ ҷуръат пайдо кард, ки ин дуоро
назди Ту бигӯяд.
28 Ва алҳол, эй Худованд Худо, Ту Худо ҳастӣ, ва суханонат рост
аст, ва Ту дар бораи бандаи Худ ин некиро ба забон рондаӣ.
29 Ва алҳол таваҷҷӯҳ намуда, хонадони бандаатро баракат бидеҳ,
то ки он то абад дар ҳузури Ту бошад; зеро ки Ту, эй Худованд Худо,
сухан рондаӣ, ва хонадони бандаат аз баракати Ту то абад муборак
хоҳад буд».

## Пойдор шудани салтанати Довуд. Ғалабаҳои ӯ.

8 1 •Ва баъд аз ин Довуд ба фалиштиён зарба расонида, онҳоро
мағлуб кард, ва Довуд инони ихтиёри пойтахти фалиштиёнро аз
дасташон гирифт.
2 Ва ба Мӯоб шикаст расонид, ва онҳоро ба замин хобонида, бо
арғамчин чен кард, ва ду арғамчин барои куштан чен кард ва як
арғамчин барои зинда нигоҳ доштан; ва мӯобиён бандагони
хироҷгузори Довуд гардиданд.
3 Ва Довуд ба Ҳададозар ибни Раҳӯб, подшоҳи Сӯбо, вақте ки вай
мерафт, то хукмронии худро назди наҳри Фурот аз нав барқарор
намояд, шикаст расонид+.
4 Ва Довуд ҳазору ҳафтсад савора ва бист ҳазор пиёда аз вай
гирифт; ва Довуд ҳамаи аспҳои аробаҳои варо пай кард, вале аз онҳо
барои сад ароба нигоҳ дошт+.
5 Ва арамиёни Димишқ ба мадади Ҳададозар подшоҳи Сӯбо
омаданд; ва Довуд аз арамиён бисту ду ҳазор нафарро кушт.
6 Ва Довуд дар Арами Димишқ волиёнро гузошт, ва арамиён
бандагони хироҷгузори Довуд гардиданд. Ва Худованд Довудро ба
ҳар ҷое ки мерафт, ёварӣ менамуд.
7 Ва Довуд сипарҳои тиллоро, ки бар навкарони Ҳададозар буд,
гирифта, ба Ерусалим овард+.
8 Ва аз Ботаҳ ва Берӯтай, ки шаҳрҳои Ҳададозар буд, Довуд миси
бағоят бисьёре гирифт.
9 Ва Тӯӣ, подшоҳи Ҳамот, шунид, ки Довуд тамоми лашкари
Ҳададозарро мағлуб кардааст.
10 Ва Тӯӣ писари худ Юромро назди подшоҳ Довуд фиристод, то ки
ба ӯ салом расонад ва ӯро муборакбод гӯяд, ба муносибати он ки бо
Ҳададозар ҷанг карда, варо мағлуб намудааст, зеро ки Ҳададозар ба
муқобили Тӯӣ бисьёр меҷангид. Ва дар дасти Юром зарфҳои нуқра ва
зарфҳои тилло ва зарфҳои мис буд.
11 Ва подшоҳ Довуд онҳоро низ барои Худованд вақф намуд, бо
якҷоягии нуқра ва тиллое ки аз ҳамаи халқҳои мағлубкардаи худ
гирифта вақф намуда буд,+

12 Яъне аз Арам ва Мӯоб ва банӣ-Аммӯн ва фалиштиён ва Амолеқ
ва аз ғанимати Ҳададозар ибни Раҳӯб, подшоҳи Сӯбо.
13 Ва Довуд шӯҳрат пайдо кард, вақте ки аз шикаст додани ҳаждаҳ
ҳазор арамиён дар водии Намак, бармегашт+.
14 Ва дар Адӯм волиёнро гузошт, дар тамоми Адӯм волиёнро
гузошт, ва ҳамаи адӯмиён бандагони Довуд гардиданд. Ва Худованд
Довудро ба ҳар ҷое ки мерафт, ёварӣ менамуд+.
15 •Ва Довуд дар тамоми Исроил подшоҳӣ мекард; ва Довуд бар
тамоми қавми худ доварӣ ва инсофро ба амал меовард+.
16 Ва Юоб ибни Саруё сарлашкар буд, ва Еҳӯшофот ибни Аҳилуд —
вақоеънавис+.
17 Ва Содӯқ ибни Аҳитуб ва Аҳималик ибни Абьётор коҳин буданд,
ва Сароё котиб буд+.
18 Ва Баноё ибни Еҳӯёдоъ бар каритиён ва фалитиён сардор буд; ва
писарони Довуд садрнишин буданд+.

## Довуд ва Мефибӯшет.

9

1 Ва Довуд гуфт: «Оё касе боз аз хонадони Шоул боқӣ мондааст, то ки ба хотири Йӯнотон ба вай эҳсон намоям?»+

2 Ва дар хонадони Шоул навкаре буд, ки Сибо ном дошт; ва ӯро назди Довуд хонданд, ва подшоҳ ба ӯ гуфт: «Оё ту Сибо ҳастӣ?» Гуфт: «Бандаи ту ҳастам»+.

3 Ва подшоҳ гуфт: «Оё касе боз аз хонадони Шоул ҳаст, то ки ба вай эҳсони Худоро ба амал оварам?» Ва Сибо ба подшоҳ гуфт: «Боз писари Йӯнотон ҳаст, ки поҳояш ланг аст»+.

4 Ва подшоҳ ба ӯ гуфт: «Вай куҷост?» Ва Сибо ба подшоҳ гуфт: «Инак, вай дар хонаи Мокир ибни Амиил дар Лӯ-Дабор мебошад»+.

5 Ва подшоҳ Довуд фиристода, варо аз хонаи Мокир ибни Амиил, аз Лӯ-Дабор гирифт.

6 Ва Мефибӯшет ибни Йӯнотон ибни Шоул назди Довуд омад, ва бар рӯи худ афтода, ба ӯ сачда бурд; ва Довуд гуфт: «Эй Мефибӯшет!» Гуфт: «Инак бандаи ту»+.

7 Ва Довуд ба вай гуфт: «Натарс, зеро ки ба хотири падарат Йӯнотон ба ту албатта эҳсон хоҳам намуд, ва тамоми замини падарат Шоулро ба ту хоҳам баргардонид; ва ту ҳамеша дар сари суфраи ман нон хоҳӣ хӯрд».

8 Ва вай саҷда бурда, гуфт: «Бандаи ту чист, ки ба саги мурдае мисли ман илтифот намудаӣ?»

9 Ва подшоҳ навкари Шоул Сиборо хонда, ба вай гуфт: «Ҳар он чиро, ки ба Шоул ва тамоми хонадонаш тааллуқ дошт, ба писари оғоят додам.

10 Ва ту ва писаронат ва навкаронат заминро барои ӯ кор карда, ҳосили онро биёред, то ки писари оғоят нон барои хӯрданаш дошта бошад; вале Мефибӯшет, писари оғоят, ҳамеша дар сари суфраи ман нон хоҳад хӯрд». Ва Сибо понздаҳ писар ва бист навкар дошт+.

11 Ва Сибо ба подшоҳ гуфт: «Мувофиқи ҳар он чи оғоям подшоҳ амр фармудааст, бандаат ҳамон тавр амал хоҳад кард». Ва подшоҳ гуфт, ки «Мефибӯшет мисли яке аз писарони подшоҳ дар сари суфраи ман хоҳад хӯрд».

12 Ва Мефибӯшет писари хурдсоле дошт, ки номаш Михо буд. Ва ҳамаи сокинони хонаи Сибо навкарони Мефибӯшет буданд+.

[13] Ва Мефибӯшет дар Ерусалим сукунат дошт, зеро ки ҳамеша дар сари суфраи подшоҳ мехӯрд; ва ду пояш ланг буд.

## Ҷанг бо арамиён ва банӣ-Аммӯн.

**10** 1 •Ва баъд аз он чунин воқеъ шуд, ки подшоҳи банӣ-Аммӯн
мурд, ва писараш Ҳонун ба ҷои вай подшоҳ шуд+.
2 Ва Довуд гуфт: «Ба Ҳонун ибни Ноҳош эҳсон хоҳам намуд, чунки
падари вай ба ман эҳсон карда буд». Ва Довуд фиристод, то ки ба
воситаи навкарони худ ба вай дар бораи падараш таъзия баён
намояд; ва навкарони Довуд ба замини банӣ-Аммӯн омаданд.
3 Ва сарварони банӣ-Аммӯн ба оғои худ Ҳонун гуфтанд: «Оё ба
гумони ту Довуд падаратро эҳтиром менамуд, ки навкаронашро
барои баён кардани таъзия назди ту фиристодааст? Довуд, охир,
онҳоро барои он фиристодааст, ки шаҳрро тафтиш ва ҷосусӣ намуда,
баъд онро валангор кунад».
4 Ва Ҳонун бандагони Довудро гирифта, нисфи ришашонро
тарошид, ва либосҳошонро то нисфаш, яъне аз поён то суринашон
бурида партофт, ва онҳоро фиристод.
5 Ва инро ба Довуд хабар доданд, ва ӯ ба пешвози онҳо фиристод,
зеро ки ин одамон бағоят хиҷил буданд; ва подшоҳ гуфт: «Дар Ериҳӯ
бимонед, то вақте ки ришҳотон калон шавад, ва баъд аз он хоҳед
баргашт».
6 Ва банӣ-Аммӯн диданд, ки дар назари Довуд нафратангез
гардиданд; ва банӣ-Аммӯн фиристода, аз арамиёни Байт-Раҳӯб ва аз
арамиёни Сӯбо бист ҳазор пиёда, ва подшоҳи Маъкоро бо ҳазор
нафар, ва аз мардони Туб дувоздаҳ ҳазор нафар киро карданд+.
7 Ва Довуд инро шунида, Юоб ва тамоми лашкари далеронро
фиристод.
8 Ва банӣ-Аммӯн берун омада, дар даҳани дарвоза барои ҷанг саф
кашиданд; ва арамиёни Сӯбо ва Раҳӯб ва мардони Туб ва Маъко дар
саҳро алоҳида мавқеъ гирифтанд.
9 Ва Юоб дид, ки ба муқобили ӯ ҳам аз пеш ва ҳам аз ақиб барои
ҷанг омода шудаанд; ва ӯ аз ҳамаи гузинони Исроил фавҷе интихоб
намуда, бар зидди арамиён саф кашид.
10 Ва бақияи қавмро ба дасти бародараш Абишой супурд, то ки бар
зидди банӣ-Аммӯн саф кашад+.

11 Ва гуфт: «Агар арамиён аз ман зӯр бароянд, ба мадади ман биё,
ва агар банӣ-Аммӯн аз ту зӯр бароянд, ман ба мадади ту хоҳам омад.
12 Далер бош, ва мо барои қавми худ ва барои шаҳрҳои Худои ҳуд
далерона хоҳем ҷангид, ва Худованд он чиро, ки дар назараш писанд
ояд, ба амал хоҳад овард»+.
13 Ва Юоб ва қавме ки бо ӯ буданд, ба ҷанги зидди арамиён шурӯъ
карданд; ва онҳо аз пеши ӯ рӯ ба гурез оварданд.
14 Чун банӣ-Аммӯн диданд, ки арамиён рӯ ба гурез оварданд, онҳо
низ аз пеши Абишой гурехта, ба шаҳр дохил шуданд; ва Юоб аз ҷанги
зидди банӣ-Аммӯн баргашта, ба Ерусалим омад.
15 Ва чун арамиён диданд, ки пеши Исроил мағлуб гардиданд,
яқҷоя ҷамъ шуданд.
16 Ва Ҳададозар фиристода, арамиёнеро, ки дар он тарафи наҳр
буданд, берун овард, ва онҳо ба Ҳелом омаданд; ва Шубак,
сарлашкари Ҳададозар, пешопеши онҳо мерафт+.
17 Ва ба Довуд хабари ин расид, ва ӯ тамоми Исроилро ҷамъ кард,
ва аз Урдун убур намуда, ба Ҳелом омад; ва арамиён ба муқобили
Довуд саф кашида, бо ӯ ҷанг карданд.
18 Ва арамиён аз пеши Исроил рӯ ба гурез оварданд; ва Довуд аз
арамиён аспони ҳафтсад ароба ва чил ҳазор савораро кушт, ва
сарлашкари онҳо Шубакро зарба зад, ки вай дар он ҷо мурд.
19 Ва чун ҳамаи подшоҳони зердасти Ҳададозар диданд, ки пеши
Исроил мағлуб гардиданд, бо исроилиён сулҳ баста, ба онҳо тобеъ
шуданд; ва арамиён минбаъд аз дастгирӣ кардани банӣ-Аммӯн
тарсиданд.

## Гуноҳи азими Довуд.

**11** [1] Ва баъд аз интиҳои сол, вақте ки подшоҳон берун мераванд,
чунин воқеъ шуд, ки Довуд Юобро бо навкарони худ ва бо
тамоми Исроил фиристод, ва онҳо банӣ-Аммӯнро зарба зада, Раббаро
муҳосира карданд; вале Довуд дар Ерусалим монд+.
[2] Ва ҳангоми шом чунин воқеъ шуд, ки Довуд аз бистари худ
бархоста, бар боми хонаи подшоҳ гардиш мекард, ва аз болои бом
занеро дид, ки шустушӯй мекунад; ва ин зан бағоят хушлиқо буд.
[3] Ва Довуд фиристод, ки дар бораи ин зан пурсуҷӯй кунанд; ва ба ӯ
гуфтанд: «Вай, охир, Батшобаъ бинти Алиом, завҷаи Уриёи ҳиттӣ
мебошад»+.
[4] Ва Довуд қосидон фиристод, то ки варо бигиранд; ва вай назди ӯ
омад, ва ӯ бо вай хобид, дар сурате ки вай аз наҷосати худ пок шуда
буд; ва вай ба хонаи худ баргашт+.
[5] Ва ин зан ҳомила шуд, ва ба Довуд фиристода, хабар дод ва гуфт:
«Ман ҳомила ҳастам».
[6] Ва Довуд назди Юоб фиристод: «Уриёи ҳиттиро назди ман
бифирист». Ва Юоб Уриёро назди Довуд фиристод.
[7] Ва Уриё назди ӯ омад, ва Довуд аз саломатии Юоб ва аз
саломатии қавм ва аз вазъияти ҷанг пурсид.
[8] Ва Довуд ба Уриё гуфт: «Ба хонаи худ рафта, пойҳоятро бишӯй».
Ва Уриё аз хонаи подшоҳ берун рафт, ва аз қафояш инъом аз суфраи
подшоҳ фиристода шуд.
[9] Вале Уриё назди дари хонаи подшоҳ бо ҳамаи навкарони оғои
худ хобида, ба хонаи худ нарафт.
[10] Ва ба Довуд хабар дода, гуфтанд: «Уриё ба хонаи худ
нарафтааст». Ва Довуд ба Уриё гуфт: «Ту, охир, аз роҳ расидаӣ, пас
чаро ба хонаи худ нарафтӣ?»
[11] Ва Уриё ба Довуд гуфт: «Сандуқ ва Исроил ва Яҳудо дар хаймаҳо
сокинанд, ва оғоям Юоб ва навкарони оғоям бар рӯи саҳро ӯрду
задаанд, ва ман ба хонаи худ рафта, бихӯрам ва бинӯшам ва бо зани
худ бихобам? Қасам ба ҳаёти ту ва ба ҳаёти ҷони ту, ки чунин
нахоҳам кард!»
[12] Ва Довуд ба Уриё гуфт: «Имрӯз низ дар ин ҷо бимон, ва фардо
туро хоҳам фиристод». Ва Уриё он рӯз ва фардояш дар Ерусалим

монд.
[13] Ва Довуд ӯро даъват намуд, ва дар ҳузураш ӯ хӯрд ва нӯшид, ва
ӯро маст гардонид; ва ҳангоми шом ӯ берун рафта, бар бистараш бо
навкарони оғояш хобид, ва ба хонаи худ нарафт.
[14] Ва чун субҳ дамид, Довуд ба Юоб мактубе навишт, ва ба дасти
Уриё дода фиристод+.
[15] Ва дар мактуб чунин навишта буд: «Уриёро дар мавқеи ҳарбу
зарби сахт бигузоред, ва аз ақибаш худро канор кашед, то ки ӯ зарба
хӯрда, бимирад».
[16] Ва ҳангоме ки Юоб шаҳрро муҳосира мекард, Уриёро дар
мақоме гузошт, ки медонист, ки дар он ҷо ҷанговарони далер
ҳастанд.
[17] Ва мардуми шаҳр берун омада, бо Юоб ҷанг карданд, ва чанде аз
қавм, аз навкарони Довуд афтоданд; ва Уриёи ҳиттӣ низ мурд.
[18] Ва Юоб фиристода, ба Довуд тамоми вақоеи ҷангро хабар дод.
[19] Ва ба қосид амр фармуда, гуфт: «Вақте ки ба подшоҳ тамоми
вақоеи ҷангро ҳикоят намоӣ,
[20] Ва подшоҳ хашмгин гардида, ба ту бигӯяд: „Чаро барои ҷанг ба
шаҳр наздик шудед? Шумо магар намедонистед, ки аз болои ҳисор
тирандозӣ мекунанд?
[21] Кист, ки Абималик ибни Ерубошатро кушт? Зане, охир, санги
болоии осиёро бар ӯ аз болои ҳисор андохт, ва ӯ дар Тебес мурд. Пас,
чаро шумо ба ҳисор наздик шудед?“ — он гоҳ бигӯй: „Навкарат Уриёи
ҳиттӣ низ мурдааст“»+.
[22] Ва қосид рафт, ва омада, ба Довуд ҳар чиро, ки Юоб барояш
фиристода буд, хабар дод.
[23] Ва қосид ба Довуд гуфт: «Азбаски он одамон бар мо дастболо
шуда, аз ақиби мо ба саҳро баромаданд, мо онҳоро то даҳани дарвоза
дунболагирӣ кардем;
[24] Ва тирандозон бар навкаронат аз болои ҳисор тир андохтанд, ва
баъзе аз навкарони подшоҳ мурданд; ва навкарат Уриёи ҳиттӣ низ
мурд».
[25] Ва Довуд ба қосид гуфт: «Ба Юоб чунин бигӯй: „Ин ҳодиса ба
назари ту бад нанамояд, зеро ки шамшер гоҳе ин тавр, ва гоҳе ба
таври дигар ба ҳалокат мерасонад; ҷанги худро ба муқобили шаҳр
пурзӯр карда, онро валангор бикун“. Пас, ӯро далер намо».

26 Ва зани Уриё шунид, ки шавҳараш Уриё мурдааст; ва вай барои
шавҳари худ навҳагарӣ кард.
27 Ва ҳангоме ки мӯҳлати мотами вай анҷом ёфт, Довуд
фиристода, варо ба хонаи худ овард; ва вай завҷаи ӯ шуд, ва барои ӯ
писаре зоид. Ва коре ки Довуд кард, ба назари Худованд бад намуд.

## Пушаймон шудани Довуд.

12 [1] Ва Худованд Нотонро назди Довуд фиристод, ва вай назди ӯ
омада, ба ӯ гуфт:
«Дар шаҳре ду мард буданд, яке сарватдор ва дигаре камбағал+.
[2] Сарватдор гӯсфандон ва говони бағоят бисьёр дошт,
[3] Вале камбағал чизе ҷуз як меши майдаяк надошт,
ки онро харида парварида буд,
ва он назди ӯ бо якҷоягии бачагонаш калон мешуд:
аз нони ӯ мехӯрд ва аз косаи ӯ менӯшид ва дар бағали ӯ мехобид,
ва барои ӯ мисли духтар буд.
[4] Ва мусофире назди марди сарватдор омад,
ва ӯ дареғ дошт, ки аз гӯсфандон ва говони худ гирифта,
барои меҳмоне ки назди ӯ омадааст, хӯроке тайёр кунад,
балки меши марди камбағалро гирифта, барои шахсе ки назди ӯ
омада буд, хӯрок тайёр кард».
[5] Ва хашми Довуд бар он мард бағоят аланга зад, ва ӯ ба Нотон
гуфт: «Қасам ба ҳаёти Худованд, ки марде ки чунин амал кардааст,
сазовори қатл аст!
[6] Ва барои меш вай бояд чор баробар талофӣ диҳад: аз барои он ки
чунин амал кардааст, ва аз барои он ки тараҳҳум нанамудааст»+.
[7] Ва Нотон ба Довуд гуфт: «Он мард ту ҳастӣ! Худованд Худои
Исроил чунин мегӯяд: „Ман туро ба подшоҳӣ бар Исроил тадҳин
намудам, ва Ман туро аз дасти Шоул раҳоӣ додам;+
[8] Ва хонаи оғоятро ба ту додам ва занони оғоятро ба оғӯши ту; ва
хонадони Исроил ва Яхудоро ба ту додам, ва агар ин кам бошад, ба ту
боз ва боз илова менамудам.
[9] Пас чаро ту ба каломи Худованд беэътиноӣ намуда, он чиро, ки
дар назари Ӯ бад аст, ба амал овардӣ? Уриёи ҳиттиро бо шамшер
зарба зада, занашро барои худ ба занӣ гирифтӣ; ва ӯро бо шамшери
банӣ-Аммӯн куштӣ+.
[10] Ва алҳол шамшер аз хонадони ту то абад дур нахоҳад шуд, ба он
сабаб ки ба Ман беэътиноӣ намудӣ, ва зани Уриёи ҳиттиро гирифтӣ,
то ки зани ту бошад“.
[11] Худованд чунин мегӯяд: „Инак, Ман аз хонаи худат ба сари ту
бадӣ хоҳам овард, ва занони туро пеши назари ту гирифта, ба ёри ту

хоҳам дод, ва ӯ пеши назари ин офтоб бо занони ту хоҳад хобид+.
12 Дар сурате ки ту ин корро пинҳонӣ кардаӣ, Ман ин корро пеши
назари тамоми Исроил ва пеши назари офтоб ба ҷо хоҳам овард“».
13 Ва Довуд ба Нотон гуфт: «Ман пеши Худованд гуноҳ кардаам».
Ва Нотон ба Довуд гуфт: «Худованд низ аз гуноҳат гузаронӣ кардааст;
ту нахоҳӣ мурд+.
14 Аммо азбаски ту бо ин кор сабаби куфр гуфтани душманони
Худованд гардидаӣ, он писар низ, ки барои ту таваллуд ёфтааст,
албатта хоҳад мурд».
15 Ва Нотон ба хонаи худ рафт. Ва Худованд бачаеро, ки зани Урийё
барои Довуд зоида буд, гирифтори беморӣ кард, ва бемории вай сахт
буд.
16 Ва Довуд аз Худо барои кӯдак илтимос намуд; ва Довуд рӯза
дошт, ва омада, бар рӯи замин хобида шабро мегузаронид+.
17 Ва пирони хонааш назди ӯ омада, саъю кӯшиш мекарданд, ки
ӯро аз замин бархезонанд, вале ӯ розӣ намешуд, ва ҳамроҳи онҳо нон
намехӯрд.
18 Ва дар рӯзи ҳафтум бача мурд; ва навкарони Довуд тарсиданд,
ки мурдани бачаро ба ӯ хабар диҳанд, зеро ки ба ҳамдигар
мегуфтанд: «Инак, вақте ки бача зинда буд, мо ба ӯ сухан рондем, ва
ӯ ба овози мо гӯш надод; пас, чӣ гуна ба ӯ бигӯем, ки бача мурдааст?
Шояд, ӯ кори баде бо худ бикунад».
19 Ва Довуд дид, ки навкаронаш ба якдигар пичиррос мезананд, ва
Довуд фаҳмид, ки бача мурдааст; ва Довуд ба навкаронаш гуфт: «Оё
бача мурдааст?» Гуфтанд: «Мурдааст».
20 Ва Довуд аз замин бархоста, худро шустушӯ ва тадҳин намуд, ва
либосашро иваз кард, ва ба хонаи Худованд рафта, ибодат намуд, ва
ба хонаи худ омада, хӯрок пурсид, ва пеши ӯ нон монданд, ва ӯ хӯрд.
21 Ва навкаронаш ба ӯ гуфтанд: «Ин чӣ кор аст, ки кардӣ: вақте ки
бача зинда буд, рӯза дошта гирья кардӣ, ва чун бача мурд, бархоста
нон хурдӣ?»
22 Ва ӯ гуфт: «То даме ки бача зинда буд, ман рӯза дошта гирья
кардам, зеро ки ба дили худ гуфтам: „Шояд, Худованд ба ман
марҳамат намояд, ва бача зинда монад“+.
23 Ва алҳол вай мурдааст, пас чаро ман рӯза дорам? Оё ман
метавонам варо баргардонам? Ман назди вай хоҳам рафт, вале вай

назди ман нахоҳад баргашт».

## Таваллуд ёфтани Сулаймон.

24 Ва Довуд зани худ Батшобаъро тасаллӣ дод, ва назди вай
даромада, бо вай хобид, ва вай писаре зоид, ва ӯро Сулаймон ном
ниҳод, ва Худованд ӯро дӯст дошт+.
25 Ва ба воситаи Нотони набӣ хабар фиристод, ва вай ӯро ба
хотири Худованд Едидёҳ* ном ниҳод.

## Довуд ва Юоб Раббаро ишғол мекунанд.

26 •Ва Юоб бо Раббаи банӣ-Аммӯн ҷанг карда, шаҳри
подшоҳнишинро гирифт+.
27 Ва Юоб қосидонро назди Довуд фиристода, гуфт: «Бо Рабба ҷанг
карда, обанбори шаҳрро низ гирифтам.
28 Ва алҳол бақияи қавмро ҷамъ намо, ва бар зидди шаҳр ӯрду
зада, онро бигир; мабодо ман шаҳрро бигирам, ва он ба номи ман
хонда шавад».
29 Ва Довуд тамоми қавмро ҷамъ намуда, сӯи Рабба рафт, ва бо он
ҷанг карда, онро гирифт.
30 Ва тоҷи подшоҳи онҳоро аз сараш гирифт, ки вазнаш як киккар*
буд ва санги гаронбаҳое дошт, ва онро бар сари Довуд гузоштанд; ва ӯ
ғанимати бағоят зиёде аз шаҳр берун овард.
31 Ва қавмеро, ки дар он буданд, берун овард, ва онҳоро зери
арраҳо ва ғаллакӯбакҳои оҳанин ва табарҳои оҳанин гузошт, ва
онҳоро ба корҳои хумдони хиштпазӣ баргумошт; ва бо ҳамаи
шаҳрҳои банӣ-Аммӯн чунин амал кард; ва Довуд ва тамоми қавм ба
Ерусалим баргаштанд.

## Ҷинояти Амнӯн.

13 [1] Ва баъд аз он чунин воқеъ шуд: Абшолӯм ибни Довуд
хоҳари хушрӯе дошт, ки номаш Томор буд; ва Амнӯн ибни
Довуд варо дӯст дошт.
[2] Ва Амнӯн аз ишқи хоҳараш Томор чунон шайдо гашт, ки мисли
беморе менамуд, зеро ки вай бокира буд, ва ба назари Амнӯн
мушкил буд, ки бо вай коре тавонад бикунад.
[3] Ва Амнӯн ёре дошт, ки номаш Юнодоб буд, ва ӯ писари Шимъо
бародари Довуд буд; ва Юнодоб шахси бағоят айёр буд+.
[4] Ва ба ӯ гуфт: «Чаро ту, эй шоҳзода, рӯз ба рӯз чунин лоғар
мешавӣ? Ба ман, охир, бигӯй». Ва Амнӯн ба ӯ гуфт: «Ман Томорро, ки
хоҳари бародарам Абшолӯм аст, дӯст медорам».
[5] Ва Юнодоб ба ӯ гуфт: «Бар бистарат хобида, худро бемор вонамуд
кун; ва ҳангоме ки падарат барои дидани ту биёяд, ба ӯ бигӯй:
„Бигзор хоҳарам Томор омада, маро хӯрок хӯронад, ва хӯрокро пеши
назари ман тайёр кунад, то ки бубинам ва аз дасти вай бихӯрам“».
[6] Ва Амнӯн хобида, худро бемор вонамуд кард; ва подшоҳ барои
дидани ӯ омад, ва Амнӯн ба подшоҳ гуфт: «Бигзор хоҳарам Томор
омада, пеши назарам як-дуто чалпак пазад, ва ман аз дасташ
бихӯрам».
[7] Ва Довуд назди Томор ба хонааш фиристода, гуфт: «Лутфан, ба
хонаи бародарат Амнӯн рафта, барои ӯ хӯрок бипаз».
[8] Ва Томор ба хонаи бародараш Амнӯн рафт, ва ӯ хобида буд; ва
орд гирифта, хамир кард, ва пеши назари ӯ қурсҳо тайёр карда,
чалпак пухт.
[9] Ва тобаро гирифта, пеши ӯ холӣ кард, вале ӯ майли хӯрдан
накард. Ва Амнӯн гуфт: «Ҳамаи одамонро аз пеши ман бароред!» Ва
ҳамаи одамон аз пеши ӯ баромаданд.
[10] Ва Амнӯн ба Томор гуфт: «Хӯрокро ба он ҳуҷра биёр, то ки аз
дасти ту бихӯрам». Ва Томор чалпакҳоро, ки пухта буд, гирифта,
назди бародари худ Амнӯн ба он ҳуҷра овард.
[11] Ва ҳамин ки назди ӯ монд, то ки бихӯрад, ӯ варо дошта, ба вай
гуфт: «Биё, бо ман бихоб, эй хоҳарам».
[12] Вале вай ба ӯ гуфт: «Не, эй бародарам, ба номӯси ман таҷовуз
накун; зеро ки дар Исроил чунин рафтор намекунанд; ин кори

зиштро накун+.
13 Ва ман нанги худро ба куҷо барам? Ва ту мисли яке аз сафилон
дар Исроил хоҳӣ шуд. Ва алҳол, лутфан, ту бо подшоҳ гуфтугӯ намо,
зеро ки маро аз ту дареғ нахоҳад дошт».
14 Вале ӯ нахост ба овози вай гӯш диҳад, ва аз вай зӯр баромада, ба
номӯсаш расид, ва бо вай хобид.
15 Ва Амнӯн бо нафрати бағоят азиме аз вай нафрат намуд, ба
тавре ки нафрате ки аз вай пайдо кард, аз муҳаббате ки ба вай дошт,
бузургтар буд; ва Амнӯн ба вай гуфт: «Бархоста, бирав».
16 Ва вай ба ӯ гуфт: «Не, зеро ин бадие ки ту дар ҳаққи ман карда,
маро бадар мeронӣ, бузургтар аст аз бадии дигаре ки дар ҳаққи ман
кардӣ». Вале ӯ нахост ба овози вай гӯш диҳад,
17 Ва навкари хизматгузори худро хонда, гуфт: «Варо аз пеши ман
бадар бирон, ва дарро аз пушташ бибанд».
18 Ва вай куртаи рангоранге дар бар дошт, зеро ки духтарони
бокираи подшоҳ чунин либосе мепӯшиданд. Ва хизматгузори ӯ варо
берун баровaрда, дарро аз пушташ баст.
19 Ва Томор хокистар бар сари худ пошид, ва куртаи рангорангро,
ки дар бар дошт, дарронид, ва дастҳояшро бар сараш гузошта,
мерафту фарьёд мезад.
20 Ва бародараш Абшолӯм ба вай гуфт: «Оё бародарат Амнӯн бо ту
буд? Ва алҳол, эй хоҳарам, хомӯш бош; ӯ бародари туст; аз ин кор
дилафгор нашав». Ва Томор дар хонаи бародараш Абшолӯм сокин
шуда, парешонаҳвол гардид.
21 Ва подшоҳ Довуд тамоми ин воқеаро шунида, бағоят хашмгин
шуд.
22 Ва Абшолӯм бо Амнӯн сухане бад ё нек нагуфт; зеро ки Абшолӯм
аз Амнӯн нафрат дошт, барои он ки ба номӯси хоҳараш Томор
таҷовуз карда буд.

## Интиқоми Абшолӯм.

23 Ва чунин воқеъ шуд, ки баъд аз ду сол дар Баал-Ҳосӯр, ки назди
Эфроим аст, барои Абшолӯм пашмбурӣ мекарданд, ва Абшолӯм
ҳамаи писарони подшоҳро даъват намуд.
24 Ва Абшолӯм назди подшоҳ омада, гуфт: «Инак, алҳол барои
бандаат пашмбурӣ мекунанд; бигзор подшоҳ ва навкаронаш бо

бандаат оянд».
25 Ва подшоҳ ба Абшолӯм гуфт: «Не, писарам, ҳамаи мо нахоҳем
омад, то ки ба ту гаронӣ накунем». Ва ҳарчанд аз ӯ илтимос намуд, ӯ
нахост биёяд, ва варо баракат дод.
26 Ва Абшолӯм гуфт: «Ҳеҷ набошад, бародарам Амнӯн ҳамроҳи мо
биёяд». Ва подшоҳ ба ӯ гуфт: «Чаро вай бо ту биёяд?»
27 Вале Абшолӯм бо илтимосу илтиҷо ӯро розӣ кард, ва ӯ Амнӯн ва
ҳамаи писарони подшоҳро бо вай фиристод.
28 Ва Абшолӯм ба навкаронаш амр фармуда, гуфт: «Бингаред,
ҳамин ки дили Амнӯн аз шароб шод гардад, ва ман ба шумо гӯям:
„Амнӯнро зарба занед“, дарҳол ӯро бикушед, натарсед: ман охир,
шуморо амр фармудаам, пас қавидил ва далер бошед».
29 Ва навкарони Абшолӯм бо Амнӯн execution онҷунон ки Абшолӯм амр
фармуда буд, амал карданд; ва ҳамаи писарони подшоҳ бархостанд,
ва ҳар яке ба хачири худ савор шуда, гурехтанд.
30 Ва ҳангоме ки онҳо дар роҳ буданд, овозае ба гӯши Довуд расид,
ки Абшолӯм ҳамаи писарони подшоҳро куштааст, ва як нафар ҳам аз
онҳо боқӣ намондааст.
31 Ва подшоҳ бархост ва либосҳояшро дарронида, бар замин хобид,
ва ҳамаи навкаронаш, ки либосҳошонро дарронида буданд, дар
атрофаш меистоданд+.
32 Вале Юнодоб ибни Шимъо, бародари Довуд, ба сухан оғоз
намуда, гуфт: «Бигзор оғоям гумон накунад, ки ҳамаи амрадони
шоҳзодаро куштаанд, зеро танҳо Амнӯн мурдааст, чунки ин масъала
назди Абшолӯм ҳал шуда буд, аз рӯзе ки вай ба номӯси хоҳари ӯ
Томор таҷовуз карда буд+.
33 Ва алҳол бигзор оғоям подшоҳ дили худро бо чунин фикр
безобита накунад, ки гӯё ҳамаи писарони подшоҳ мурда бошанд,
балки танҳо Амнӯн мурдааст».
34 Ва Абшолӯм гурехт. Ва навкаре ки дидбонӣ менамуд,
чашмонашро баланд карда, дид, ки инак, аз роҳи ақиби он, аз ҷониби
кӯҳ, қавми бисьёре меоянд.
35 Ва Юнодоб ба подшоҳ гуфт: «Инак, писарони подшоҳ меоянд;
чунон ки бандаат гуфт, ончунон воқеъ шуд».
36 Ва ҳамин ки вай суханонашро тамом кард, инак писарони
подшоҳ омаданд, ва овози худро баланд карда, гиристанд; ва подшоҳ

низ ва ҳамаи навкаронаш зор-зор гиристанд.
[37] Ва Абшолӯм гурехта, назди Талмой ибни Аммиҳуд, подшоҳи
Ҷашур, рафт; ва Довуд барои писари худ ҳар рӯз навҳа мекард+.
[38] Ва Абшолӯм гурехта, ба Ҷашур рафт, ва се сол дар он ҷо буд.
[39] Ва подшоҳ Довуд дар ҳаваси он буд, ки сӯи Абшолӯм берун
равад, зеро дар бораи Амнӯн, ки мурда буд, тасаллӣ ёфта буд.

## Юоб Абшолӯмро ҳимоят мекунад.

14 [1] Ва Юоб ибни Саруё пайхас намуд, ки дили подшоҳ ба
Абшолӯм моил аст.
[2] Ва Юоб ба Тақӯо фиристода, аз он ҷо зани зиракеро оваронид, ва
ба вай гуфт: «Лутфан, худро мотамдор вонамуд бикун, ва либоси
мотамӣ бипӯш, ва ба танат равған намол, ва мисли зане бишав, ки
айёми зиёде барои мурда мотам гирифта бошад+.
[3] Ва назди подшоҳ омада, ба ӯ ба ин мазмун сухан бирон». Ва Юоб
он суханонро ба даҳони вай гузошт.
[4] Ва он зани тақӯогӣ барои сухан рондан назди подшоҳ омад, ва
бар рӯи худ ба замин афтода, сачда бурд, ва гуфт: «Ёварӣ намо, эй
подшоҳ!»+
[5] Ва подшоҳ ба вай гуфт: «Туро чӣ шудааст?» Вай гуфт: «Инак, ман
бевазане ҳастам, ва шавҳарам мурдааст.
[6] Ва канизи ту ду писар дошт; ва ҳар ду дар саҳро хархаша
намудаанд, ва касе набудааст, ки онҳоро аз якдигар чудо кунад, ва
яке дигареро зарба зада, варо куштааст.
[7] Ва инак, тамоми қабила бар канизи ту қиём намуда, мегӯянд:
„Бародаркушро бисупор, то ки ӯро барои ҷони бародараш, ки
куштааст, қатл кунем, ва ворисро низ маҳв намоем“. Ва онҳо ахгари
маро, ки боқӣ мондааст, хомӯш хоҳанд кард, бе он ки барои
шавҳарам номе ва бақияе бар рӯи замин бигузоранд».
[8] Ва подшоҳ ба зан гуфт: «Ба хонаи худ бирав, ва ман дар бораи ту
амр хоҳам фармуд».
[9] Ва зани тақӯогӣ ба подшоҳ гуфт: «Эй оғоям подшоҳ, бигзор гуноҳ
бар ман ва бар хонадони падарам бошад, ва подшоҳ ва тахти ӯ аз
гуноҳ пок бошанд»+.
[10] Ва подшоҳ гуфт: «Ҳар кӣ бо ту сухан гӯяд, ӯро назди ман биёр, ва
ӯ дигар осебе ба ту нахоҳад расонид».
[11] Вай гуфт: «Лутфан, эй подшоҳ, Худованд Худои худро зикр
намо, то ки хунхоҳ ҳалокатро афзун накунад, ва онҳо писари маро
накушанд». Ва ӯ гуфт: «Қасам ба ҳаёти Худованд, ки мӯе аз сари
писарат ба замин нахоҳад афтод»+.
[12] Ва зан гуфт: «Лутфан, ба канизи худ изн бидеҳ, ки ба оғоям
подшоҳ боз сухане гӯяд». Ва ӯ гуфт: «Бигӯй».

13 «Пас чаро ту дар ҳаққи қавми Худо чунин андешидаӣ? Ва
подшоҳ бо гуфтани ин сухан мисли айбдор аст, чунки подшоҳ
рондашудаи худро барнагардонидааст.
14 Мо, охир, ҳатман хоҳем мурд, ва мисли обе хоҳем буд, ки ба
замин рехта мешавад, ва онро дигар ҷамъ кардан мумкин нест; ва
Худо ҷонро нобуд намекунад, балки тадбирҳо меандешад, то ки
рондашудае аз ӯ ронда нашавад+.
15 Ва алҳол назди оғоям подшоҳ барои гуфтани ин сухан ба он
сабаб омадаам, ки қавм маро тарсониданд; ва канизат ба дили худ
гуфт: „Биё, ба подшоҳ арз кунам; шояд, подшоҳ арзи чӯрии худро ба
амал оварад;
16 Вақте ки подшоҳ бишнавад, чӯрии худро аз дасти касе ки
мехоҳад маро бо якҷоягии писарам аз мероси Худо маҳв намояд,
раҳо хоҳад кард“.
17 Ва канизи ту ба дили худ гуфт: „Сухани оғоям подшоҳ сабаби
тасаллӣ хоҳад шуд“, зеро ки оғоям подшоҳ мисли фариштаи Худост,
то ки нек ва бадро дарк намояд. Ва Худованд Худои ту бигзор бо ту
бошад»+.
18 Ва подшоҳ ҷавоб гардонида, ба зан гуфт: «Чизе ки ман аз ту
бипурсам, аз ман пинҳон надор». Ва зан гуфт: «Лутфан, оғоям
подшоҳ бигӯяд».
19 Ва подшоҳ гуфт: «Оё дасти Юоб дар ҳамаии ин бо туст?» Ва зан
ҷавоб гардонида, гуфт: «Қасам ба ҳаёти ҷони ту, эй оғоям подшоҳ, ки
аз ҳар чи оғоям подшоҳ гуфт, кас наметавонад ба тарафи рост ё чап
майл кунад: ҳақиқатан, бандаат Юоб ба ман амр фармудааст, ва
ҳамаи ин суханонро ӯ ба даҳони канизи ту гузоштааст.
20 Барои тағьир додани вазъияти ҳозира бандаат Юоб ин корро
кардааст; вале хирадмандии оғоям мисли хирадмандии фариштаи
Худост, то ҳар чиро, ки бар рӯи замин аст, бидонад»+.

## Довуд Абшолӯмро афв менамояд.

21 Ва подшоҳ ба Юоб гуфт: «Инак, ман ин корро кардаам, ва акнум
ту рафта, Абшолӯми ҷавонро баргардон».
22 Ва Юоб бар рӯи худ ба замин афтода, сачда бурд, ва подшоҳро
табрик намуд; ва Юоб гуфт: «Имрӯз бандаат медонад, ки дар назари

ту, эй оғоям подшоҳ, илтифот ёфтаам, чунки подшоҳ бар тибқи
сухани навкари худ амал намудааст».
23 Ва Юоб бархоста, ба Ҷашур рафт, ва Абшолӯмро ба Ерусалим
овард+.
24 Ва подшоҳ гуфт: «Бигзор ӯ ба хонаи худ баргардад, ва рӯи маро
набинад». Ва Абшолӯм ба хонаи худ баргашт, ва рӯи подшоҳро надид.
25 Ва дар тамоми Исроил касе дар зебоӣ мисли Абшолӯм лоиқи
таҳсин набуд: аз кафи пой то фарқи сараш ӯ нуқсоне надошт.
26 Ва ҳангоме ки мӯйсари худро метарошид, — онро ӯ дар охири
ҳар сол метарошид, чунки бар ӯ гаронӣ мекард, ва аз ин сабаб онро
метарошид, — мӯйсари ӯ ба санги подшоҳӣ дусад сиқл вазн дошт.
27 Ва барои Абшолӯм се писар ва як духтар, ки Томор ном дошт,
таваллуд ёфтанд; вай зани зебосимое буд+.
28 Ва Абшолӯм дар Ерусалим ду сол истод, вале рӯи подшоҳро
надид.
29 Ва Абшолӯм назди Юоб фиристод, то ки варо пеши подшоҳ
равона кунад, вале вай нахост, ки пеши ӯ биёяд; ва ӯ боз бори дуюм
фиристод, вале нахост, ки биёяд.
30 Ва ӯ ба навкаронаш гуфт: «Бубинед, қитъаи Юоб дар шафати
қитъаи ман аст, ва дар он ҷо вай киштӣ ҷав дорад: биравед ва онро
оташ зада бисӯзонед». Ва навкарони Абшолӯм он қитъаро оташ зада,
сӯзониданд.
31 Ва Юоб бархоста, назди Абшолӯм ба хонааш рафт, ва ба ӯ гуфт:
«Чаро навкарони ту қитъаи маро оташ зада сӯзонидаанд?»
32 Ва Абшолӯм ба Юоб гуфт: «Инак, назди ту фиристода, гуфтам:
ин ҷо биё, ва ман туро назди подшоҳ равона намоям, то ки бигӯӣ:
„Чаро ман аз Ҷашур омадаам? Барои ман беҳтар мебуд, ки то кунун
дар он ҷо бошам“. Ва алҳол мехоҳам рӯи подшоҳро бубинам, ва агар
айбдор бошам, бигзор ӯ маро ба қатл расонад»+.
33 Ва Юоб назди подшоҳ омада, ба ӯ хабар дод, ва ӯ Абшолӯмро
даъват намуд; ва вай назди подшоҳ омад, ва пеши подшоҳ бар рӯи
худ ба замин афтода, саҷда бурд; ва подшоҳ Абшолӯмро бӯса кард.

## Абшолӯм ба ҳусни таваҷҷӯҳи даҳ сибт ноил мегардад.

15 [1] Ва пас аз он чунин воқеъ шуд, ки Абшолӯм барои худ ароба
ва аспон муҳайё кард, ва панҷоҳ нафар шотирон пешопеши ӯ
медавиданд+.
[2] Ва Абшолӯм бомдодон бармаҳал бархоста, дар сари роҳи дарвоза
меистод; ва ҳар касе ки даъвое дошта, барои мурофиа назди подшоҳ
меомад, варо Абшолӯм даъват намуда, мегуфт: «Ту аз кадом шаҳр
ҳастӣ?» Ва ҳангоме ки вай мегуфт: «Бандаат аз фалон сибти Исроил
ҳастам»,+
[3] Он гоҳ Абшолӯм ба вай мегуфт: «Инак, суханонат дуруст ва
ҳаққонист, вале касе аз ҷониби подшоҳ нест, ки туро бишнавад».
[4] Ва Абшолӯм мегуфт: «Кошки ман дар ин замин довар мешудам,
ва ҳар касе ҷанҷол ва даъвое медошт, назди ман меомад, ва ман варо
одилона доварӣ менамудам!»+
[5] Ва ҳангоме ки касе наздик меомад, то ки ба ӯ саҷда барад, ӯ
дасти худро дароз карда, варо нигоҳ медошт ва мебӯсид.
[6] Ва Абшолӯм бо ҳамаи исроилиёне ки барои мурофиа назди
подшоҳ меомаданд, ҳамин тавр рафтор мекард; ва Абшолӯм дили
мардуми Исроилро мерабуд.

## Шӯриши Абшолӯм.

[7] Ва чунин воқеъ шуд, ки пас аз гузаштани чор сол Абшолӯм ба
Довуд гуфт: «Ба ман изн бидеҳ, ки рафта, назри худро, ки барои
Худованд дар Ҳебрӯн ният кардаам, адо намоям;
[8] Зеро бандаат, вақте ки дар Ҷашури арамиён сокин будам, назр
карда, гуфтаам: „Агар Худованд маро ба Ерусалим баргардонад, ман
Худовандро ибодат хоҳам намуд“»+.
[9] Ва подшоҳ ба ӯ гуфт: «Ба саломатӣ бирав». Ва ӯ бархоста, ба
Ҳебрӯн рафт.
[10] Ва Абшолӯм ба ҳамаи сибтҳои Исроил ҷосусонро фиристода,
гуфт: «Баробари шунидани садои шох бигӯед: „Абшолӯм дар Ҳебрӯн
подшоҳ шудааст“».
[11] Ва бо Абшолӯм дусад нафар даъватшудагон аз Ерусалим рафта
буданд, дар ҳолате ки аз рӯи софдилӣ рафта, аз таги гап ҳеҷ хабар
надоштанд.

12 Ва Абшолӯм, вақте ки қурбониҳоро забҳ менамуд, назди
Аҳитӯфали ҷилӯнӣ, ки машваратчии Довуд буд, фиристода, варо аз
шаҳри Ҷилӯ даъват намуд; ва суиқасди пурзӯре ба амал омад, ва
қавм торафт бештар ба Абшолӯм ҳамроҳ мешуданд+.

## Гурехтани Довуд.

13 Ва қосиде назди Довуд омада, гуфт: «Дили мардуми Исроил ба
тарафи Абшолӯм моил шудааст»+.
14 Ва Довуд ба ҳамаи навкаронаш, ки бо ӯ дар Ерусалим буданд,
гуфт: «Бархезед, то ки бигрезем, зеро ки барои мо аз дасти Абшолӯм
халосӣ нахоҳад буд; ба рафтан шитоб кунед, мабодо ӯ омада, моро
дастгир намояд ва фалокате ба сари мо биёрад, ва аҳли шаҳрро ба
дами шамшер бизанад»+.
15 Ва навкарони подшоҳ ба подшоҳ гуфтанд: «Дар ҳар чи, ки оғои
мо подшоҳ ихтиёр кунад, инак, мо бандагони ту ҳастем».
16 Ва подшоҳ ва тамоми аҳли байташ аз паи ӯ берун рафтанд: ва
подшоҳ даҳ занро, ки сурриягонаш буданд, барои нигоҳубини хона
монда рафт+.
17 Ва подшоҳ ва тамоми қавм аз паи ӯ берун рафта, дар охирин
хонаи шаҳр бозистоданд.
18 Ва ҳамаи навкаронаш аз пеши ӯ гузаштанд; ва ҳамаи каритиён
ва ҳамаи фалитиён, ва ҳамаи ҷаттиён, яъне шашсад нафаре ки аз паи
ӯ аз Ҷат омада буданд, аз пеши подшоҳ гузаштанд+.
19 Ва подшоҳ ба Иттои ҷаттӣ гуфт: «Ҷаро ту низ ҳамроҳи мо меоӣ?
Баргард ва ҳамроҳи он подшоҳ бимон, зеро ки ту аҷнабӣ ҳастӣ, ва ту
низ аз макони худ ҷалои ватан гардидаӣ.
20 Ту, охир, дирӯз омадаӣ, ва оё имрӯз ман туро ҳамроҳи мо ба
оворагардӣ водор намоям? Ва ҳол он ки ман ба ҳар ҷо, ки рост ояд,
меравам; пас, баргард ва бародарони худро баргардон. Эҳсон ва
ростӣ ёри ту бод!»
21 Ва Иттой ба подшоҳ ҷавоб гардонида, гуфт: «Қасам ба ҳаёти
Худованд ва ба ҳаёти оғоям подшоҳ, ки ҳар ҷое ки оғоям подшоҳ, хоҳ
дар мамот ва хоҳ дар ҳаёт бошад, бандаи ту дар он ҷо хоҳад буд»+.
22 Ва Довуд ба Иттой гуфт: «Пас, бирав ва бигзар». Ва Иттои ҷаттӣ,
ва ҳамаи одамонаш ва ҳамаи кӯдаконе ки бо ӯ буданд, гузаштанд.

[23] Ва тамоми аҳли он замин бо овози баланд гирья мекарданд, ва
тамоми қавм мегузаштанд; ва подшоҳ аз наҳри Қидрӯн гузашт, ва
тамоми қавм ба роҳи биёбон гузаштанд+.
[24] Ва инак Содӯқ низ ва ҳамаи левизодагон бо вай сандуқи аҳди
Худоро бардошта мебурданд, ва сандуқи Худоро гузоштанд; ва
Абьётор бар баландие баромада истод, то даме ки тамоми қавм аз
шаҳр берун омада, гузаштанд+.
[25] Ва подшоҳ ба Содӯқ гуфт: «Сандуқи Худоро ба шаҳр баргардон.
Агар ман дар назари Худо илтифот ёбам, Ӯ маро хоҳад баргардонид,
ва онро, ва маскани онро ба ман нишон хоҳад дод.
[26] Ва агар чунин гӯяд: „Ҳусни таваҷҷӯҳи Ман бар ту нест“, — инак
ман ҳозирам, бигзор он чи дар назараш писанд ояд, дар ҳаққи ман ба
амал оварад»+.
[27] Ва подшоҳ ба Содӯқи коҳин гуфт: «Ту магар намебинӣ? Пас, ба
шаҳр ба саломатӣ баргард, ва бигзор писари ту Аҳимаас ва писари
Абьётор — Йӯнотон, яъне ҳар ду писари шумо, ҳамроҳи шумо
бошанд+.
[28] Бидонед, ки ман дар ҳамвории биёбон даранг хоҳам кард, то
даме ки сухане аз шумо расида, маро хабардор гардонад».
[29] Ва Содӯқ ва Абьётор сандуқи Худоро ба Ерусалим баргардонида,
дар он ҷо монданд.
[30] Ва Довуд ба кӯҳи Зайтун баромад, ва ҳангоми баромаданаш
мегирист, ва сараш пӯшида буд, ва ӯ пойлуч роҳ мерафт; ва тамоми
қавме ки ҳамроҳи ӯ буданд, ҳар яке сари худро пӯшонида,
гирьякунон мерафтанд+.
[31] Ва ба Довуд хабар расонида, гуфтанд: «Аҳитӯфал бо Абшолӯм
забон як кардааст». Ва Довуд гуфт: «Лутфан, эй Худованд, машварати
Аҳитӯфалро ботил намо!»+
[32] Ва ҳангоме ки Довуд ба қуллаи кӯҳ, ки дар он ҷо ба Худо саҷда
мебурд, расид, инак, Ҳушои аркӣ, ки ҷомаи дарида дар бар дошт ва
хок бар сараш пошида буд, ба пешвози ӯ омад+.
[33] Ва Довуд ба вай гуфт: «Агар ту бо ман биёӣ, барои ман гаронӣ
хоҳӣ кард+.
[34] Валекин агар ба шаҳр баргардӣ, ва ба Абшолӯм бигӯӣ: „Ман
навкари ту, эй подшоҳ, хоҳам буд, чунон ки муддати зиёде ман

навкари падарат будам, алҳол ман бандаи ту хоҳам буд“, — бо ҳамин
ту машварати Аҳитӯфалро барои ман ботил хоҳӣ гардонид+.
35 Дар он ҷо коҳинон Содӯқ ва Абьётор бо ту хоҳанд буд; ва ҳар
сухане ки ту аз хонаи подшоҳ бишнавӣ, ба коҳинон Содӯқ ва Абьётор
хабар деҳ.
36 Инак: ду писари онҳо: Аҳимаас писари Содӯқ ва Йӯнотон писари
Абьётор дар он ҷо бо онҳо мебошанд; ва ҳар чизе ки бишнавед, ба
воситаи онҳо ба ман хоҳед фиристод»+.
37 Ва чун Ҳушой, ки дӯсти Довуд буд, ба шаҳр омад, Абшолӯм ба
Ерусалим ворид шуда буд+.

## Навкари дурӯғгӯй Мефибӯшет.

**16** 1 Ва ҳангоме ки Довуд аз қулла андаке дур рафт, инак Сибо,
навкари Мефибӯшет, ба пешвози ӯ омад, ва бо вай як ҷуфт хари
зиндор буд, ки дусад қурс нон, ва сад сар ангури соягӣ, ва сад курс
анҷирқоқ ва як машк шароб бар онҳо буд+.
2 Ва подшоҳ ба Сибо гуфт: «Ин чизҳои ту барои чист?» Ва Сибо
гуфт: «Харҳо барои савор шудани аҳли байти подшоҳ аст, ва нону
анҷир барои хӯрдани навкарон, ва шароб барои нӯшидани онҳое ки
дар биёбон хаста шудаанд»+.
3 Ва подшоҳ гуфт: «Писари оғои ту куҷост?» Ва Сибо ба подшоҳ
гуфт: «Инак, вай дар Ерусалим мондааст, зеро ки мегӯяд: „Алҳол
хонадони Исроил салтанати падарамро ба ман хоҳанд
баргардонид“»+.
4 Ва подшоҳ ба Сибо гуфт: «Инак, ҳар он чи Мефибӯшет дорад, аз
они ту хоҳад шуд». Ва Сибо гуфт: «Саҷда мекунам; кошки дар назарат
илтифот ёбам, эй оғоям подшоҳ!»

## Шимъӣ Довудро дашном медиҳад.

5 Ва ҳангоме ки Довуд ба Баҳурим расид, инак, шахсе аз қабилаи
хонадони Шоул, ки Шимъӣ ибни Ҷеро ном дошт, аз он ҷо берун омад,
— вай берун омада, дашном медод,
6 Ва ба Довуд ва ба ҳамаи навкарони подшоҳ Довуд санг меандохт,
дар сурате ки тамоми қавм ва ҳамаи паҳлавонон ба тарафи рост ва
чапи ӯ буданд.
7 Ва Шимъӣ дашном дода, чунин мегуфт: «Дафъ шав, дафъ шав, эй
одамкуш ва нобакор!
8 Худованд тамоми хуни хонадони Шоулро, ки дар ҷояш салтанат
рондаӣ, бар ту баргардонидааст, ва Худованд салтанатро ба дасти
писарат Абшолӯм супурдааст, ва инак, ту гирифтори фалокат шудаӣ,
зеро ки ту одамкуш ҳастӣ».
9 Ва Абишой ибни Саруё ба подшоҳ гуфт: «Чаро ин саги мурда
оғоям подшоҳро дашном диҳад? Изн бидеҳ, то ки рафта, сарашро аз
танаш ҷудо кунам»+.
10 Вале подшоҳ гуфт: «Шуморо бо ман чӣ кор аст, эй писарони
Саруё? Бигзор вай дашном додан гирад, зеро ки Худованд ба вай амр

фармудааст: „Довудро дашном бидеҳ!“ Пас, кист, ки бигӯяд: „Чаро
чунин амал мекунӣ?“»+
[11] Ва Довуд ба Абишой ва ба ҳамаи навкаронаш гуфт: «Модоме ки
писари ман, ки аз камарам рӯидааст, қасди ҷони ман дорад, пас
алалхусус ҳоло аз биньёминӣ чӣ ҷои гила аст! Варо бигзоред, ки
дашном диҳад, зеро ки Худованд ба вай амр фармудааст.
[12] Шояд, Худованд залолати маро бубинад, ва Худованд дар бадали
дашноми имрӯзаи вай ба ман подоши неке бидиҳад».
[13] Ва Довуд бо одамонаш дар роҳ равона буд, ва Шимъӣ аз ҷониби
кӯҳ дар рӯ ба рӯи ӯ мерафт, — мерафту дашном медод, ва ба тарафи ӯ
санг меандохт, ва хок мепошид.
[14] Ва подшоҳ ва тамоми қавме ки бо ӯ буданд, ҳалоку монда шуда
омаданд, ва дар он ҷо дам гирифтанд.
[15] Ва Абшолӯм ва тамоми қавм, яъне мардуми Исроил, ба
Ерусалим омаданд; ва Аҳитӯфал бо ӯ буд.
[16] Ва ҳангоме ки Ҳушои аркӣ, дӯсти Довуд, назди Абшолӯм омад, —
Ҳушой ба Абшолӯм гуфт: «Зинда бод подшоҳ! Зинда бод подшоҳ!»+
[17] Ва Абшолӯм ба Ҳушой гуфт: «Оё эҳсони ту ба дӯстат ҳамин аст?
Чаро бо дӯсти худ нарафтӣ?»
[18] Ва Ҳушой ба Абшолӯм гуфт: «Не, балки касеро, ки Худованд, ва
ин қавм, ва тамоми мардуми Исроил баргузида бошанд, — ман
навкари ӯ хоҳам буд, ва назди ӯ хоҳам монд.
[19] Ва сониян, ман назди кӣ хизмат хоҳам кард? Оё на назди писари
ӯ? Пас, чунон ки ба ҳузури падари ту хизмат кардаам, ончунон дар
ҳузури ту хоҳам буд».
[20] Ва Абшолӯм ба Аҳитӯфал гуфт: «Шумо машварат диҳед, ки чӣ
кор кунем».
[21] Ва Аҳитӯфал ба Абшолӯм гуфт: «Назди сурриягони падарат, ки
барои нигоҳубини хона гузоштааст, дохил шав, ва тамоми Исроил
хоҳанд шунид, ки барои падарат нафратангез гардидаӣ, ва он гоҳ
дасти ҳамаи онҳое ки ҳамроҳи ту ҳастанд, қавӣ хоҳад шуд»+.
[22] Ва барои Абшолӯм хаймае бар бом барафроштанд, ва Абшолӯм
пеши назари тамоми Исроил назди сурриягони падараш дохил шуд+.
[23] Ва машваратҳое ки Аҳитӯфал дар он айём медод, мисли он буд,
ки касе каломи Худоро пурсида бошад; ҳар машварате ки Аҳитӯфал
чи ба Довуд, чи ба Абшолӯм медод, ҳамин тавр буд.

## Дасисаҳои бемуваффақияти Аҳитӯфал ва анҷоми нангини вай.

17 [1] Ва Аҳитӯфал ба Абшолӯм гуфт: «Ба ман изн бидеҳ, ки
дувоздаҳ ҳазор нафарро баргузида, бархезам ва ҳамин шаб
Довудро таъқиб намоям.
[2] Ва дар сурате ки ӯ аз ҳол рафта, дастҳояш суст шуда бошад, ман
ба ӯ ҳамла карда, ӯро ба ҳарос хоҳам андохт, ва тамоми қавме ки бо ӯ
ҳастанд, рӯ ба гурез хоҳанд овард, ва ман танҳо подшоҳро хоҳам
кушт.
[3] Ва тамоми қавмро назди ту хоҳам баргардонид; ва чун ҳамаашон
аз касе ки ту қасди ҷонаш дорӣ, баргарданд, он гоҳ тамоми қавм дар
ҳолати осоиштагӣ хоҳанд буд».
[4] Ва ин сухан дар назари Абшолӯм, ва дар назари ҳамаи пирони
Исроил писанд омад.
[5] Ва Абшолӯм гуфт: «Ҳушои аркиро низ даъват намоед, то
бишнавем, ки вай чӣ мегӯяд»+.
[6] Ва ҳамин ки Ҳушой назди Абшолӯм омад, Абшолӯм ба вай сухан
ронда, гуфт: «Аҳитӯфал ба ин мазмун сухан рондааст; оё мувофиқи
сухани ӯ амал кунем? Вагар на, ту бигӯй».
[7] Ва Ҳушой ба Абшолӯм гуфт: «Машварате ки Аҳитӯфал додааст,
ҳамин дафъа хуб нест».
[8] Ва Ҳушой гуфт: «Ту падарат ва одамонашро медонӣ: онҳо
далеранд ва мисли хирси саҳро, ки аз бачаҳояш маҳрум шуда бошад,
бағоят хашмгинанд; ва падарат марди ҷангозмуда аст, ва шаб дар
миёни қавм хоб намеравад+.
[9] Инак, алҳол ӯ дар мағорае ё ҷои дигаре пинҳон аст, ва чунин
воқеъ хоҳад шуд, ки агар касе дар ибтидои хуҷум биафтад, инро
шунида, хоҳанд гуфт: „Кавме ки бо Абшолӯм ҳастанд, шикаст
хӯрдаанд“.
[10] Ва он гоҳ ҳатто ҷанговаре ки дилаш мисли дили шер аст, аз рӯҳ
хоҳад афтод, зеро тамоми Исроил медонанд, ки падари ту паҳлавон
аст, ва ҳамроҳонаш далеранд.
[11] Бинобар ин машварати ман ин аст: бигзор тамоми Исроил, аз
Дон то Беэр-Шобаъ, ки мисли реги соҳили дарьё сершуморанд, назди
ту ҷамъ шаванд, ва худи ту дар миёни онҳо равона бошӣ+.

12 Ва мо, дар ҳар ҷое ки ӯ бошад, ба муқобили ӯ хоҳем рафт, ва
мисли шабнаме ки бар замин мерезад, бар ӯ ҳуҷум хоҳем кард, ва
назди ӯ аз ҳамаи ҳамроҳонаш як нафар ҳам боқӣ нахоҳад монд.
13 Ва агар ӯ ба шахре дохил шавад, тамоми Исроил ба он шаҳр
танобҳо хоҳанд овард, ва мо онро ба наҳр хоҳем кашид, ба тавре ки
дар он ҷо як сангреза ҳам боқӣ намонад».
14 Ва Абшолӯм ва тамоми мардуми Исроил гуфтанд: «Машварати
Ҳушои аркӣ аз машварати Аҳитӯфал беҳтар аст». Зеро ҳукми
Худованд он буд, ки машварати хуби Аҳитӯфал ботил гардад, то ки
Худованд фалокате бар Абшолӯм оварад+.
15 Ва Ҳушой ба коҳинон Содӯқ ва Абьётор гуфт: «Аҳитӯфал ба
Абшолӯм ва пирони Исроил чунин ва чунон машварат дод, ва ман
чунин ва чунон машварат додам.
16 Ва алҳол ба зудӣ бифиристед ва ба Довуд хабар дода, гӯед:
„Имшаб дар даштрӯяи биёбон таваққуф накун, балки ҳатман убур
намо, мабодо подшоҳ ва тамоми қавме ки бо ӯ ҳастанд, талаф
шаванд“».
17 Ва Йӯнотон ва Аҳимаас назди Эйн-Рӯҷел истода буданд, ва
канизе рафта, ба онҳо хабар дод, ва онҳо рафта, ба подшоҳ Довуд
хабар доданд, зеро ки наметавонистанд ба шаҳр омада, худро зоҳир
созанд+.
18 Ва навкаре онҳоро дида, ба Абшолӯм хабар дод; ва ҳар дуи онҳо
ба зудӣ рафта, ба хонаи шахсе дар Баҳурим дохил шуданд, ки дар
ҳавлии вай чоҳе буд, ва онҳо дар он фурӯд омаданд.
19 Ва зане сарпӯши чоҳро гирифта, даҳани онро пӯшонид, ва ярма
бар рӯи он пошид, ба тавре ки чизе маълум нашуд+.
20 Ва навкарони Абшолӯм назди он зан ба хона даромада, гуфтанд:
«Аҳимаас ва Йӯнотон куҷоянд?» Зан ба онҳо гуфт: «Аз ҷӯи об убур
карданд». Ва онҳо ҷустуҷӯ намуда, наёфтанд, ва ба Ерусалим
баргаштанд.
21 Ва баъд аз рафтанашон, инҳо аз чоҳ баромаданд, ва рафта, ба
подшоҳ Довуд хабар доданд; ва ба Довуд гуфтанд: «Бархоста, ба зудӣ
аз об убур намоед, зеро ки Аҳитӯфал дар бораи шумо чунин
машварат додааст».
22 Ва Довуд ва тамоми қавме ки бо ӯ буданд, бархоста, аз Урдун
убур карданд; то дамидани субҳ як нафар ҳам намонд, ки аз Урдун

убур накарда бошад.
[23] Ва Аҳитӯфал чун дид, ки машвараташ ба амал оварда нашуд,
хари худро зин кард, ва бархоста, ба шаҳри худ ба хонааш рафт, ва
барои аҳли байти худ васият намуда, худро буғӣ кард, ва мурд, ва ӯро
дар мақбараи падараш дафн карданд+.
[24] Ва Довуд ба Маҳаноим омад; ва Абшолӯм аз Урдун убур намуд,
ва тамоми мардуми Исроил бо ӯ буданд+.
[25] Ва Абшолӯм Амосоро ба ҷои Юоб сарлашкар таъин кард; ва
Амосо писари шахсе буд, ки Йитрои исроилӣ ном дошт, ва назди
Абиҷал бинти Ноҳош, хоҳари Саруё, модари Юоб дохил шуда буд+.
[26] Ва Исроил ва Абшолӯм дар замини Ҷилъод ӯрду заданд.
[27] Ва ҳангоме ки Довуд ба Маҳаноим омад, Шубӣ ибни Ноҳош аз
Раббаи банӣ-Аммӯн, ва Мокир ибни Амиил, аз Лӯдабор, ва Барзилои
ҷилъодӣ, аз Руҷлим,+
[28] Бистарҳо, ва табақҳо, ва зарфҳои сафолин, ва гандум, ва ҷав, ва
орд, ва хӯшабирьён, ва лӯбиё ва адаси бирьён,
[29] Ва асал, ва маска, ва гӯшти гӯсфанд, ва панири гов барои хӯроки
Довуд ва қавме ки бо ӯ буданд, оварданд, зеро ки гуфтанд: «Қавм дар
биёбон гурусна ва хаста ва ташна мебошанд»+.

## Ҳарбу зарб назди кӯҳи Эфроим.

18 [1]Ва Довуд қавмеро, ки бо ӯ буданд, аз назар гузаронид, ва бар
онҳо мириҳазорхо ва мирисадҳоро таъин намуд.
[2]Ва Довуд қавмро равона кард: сеякашонро бо сардории Юоб, ва
сеякашонро бо сардории Абишой ибни Саруё, бародари Юоб, ва
сеякашонро бо сардории Иттои ҷаттӣ; ва подшоҳ ба қавм гуфт: «Ман
низ бо шумо берун хоҳам омад»+.
[3]Валекин қавм гуфтанд: «Берун наой, зеро ки агар мо рӯ ба гурез
оварем, ба ин аҳамият нахоҳанд дод; ва ҳатто агар нисфи мо
бимирем, ба ин аҳамият нахоҳанд дод, зеро ки ту мисли даҳ ҳазори
мо ҳастӣ: ва алҳол беҳтар аст, ки ба мо аз шаҳр ёварӣ намоӣ».
[4]Ва подшоҳ ба онҳо гуфт: «Он чи ба назари шумо писанд ояд,
хоҳам кард». Ва подшоҳ назди дарвоза истод, ва тамоми қавм дар
шакли фавҷҳои саднафарӣ ва ҳазорнафарӣ берун рафтанд.
[5]Ва подшоҳ ба Юоб ва Абишой ва Иттой амр фармуда, гуфт: «Ба
хотири ман бо Абшолӯми ҷавон эҳтиёт бошед». Ва ҳангоме ки
подшоҳ ба ҳамаи сардорон дар бораи Абшолӯм фармон дод, тамоми
қавм шуниданд.
[6]Ва қавм ба пешвози исроилиён ба саҳро баромаданд, ва дар
ҷангали Эфроим ҳарбу зарб ба амал омад.
[7]Ва дар он ҷо қавми Исроил аз дасти навкарони Довуд шикаст
хӯрданд, ва дар он рӯз мағлубияти азиме дар он ҷо рӯй дода, бист
ҳазор нафар талаф гардиданд.
[8]Ва ҷанг дар он ҷо бар рӯи тамоми замин паҳн шуд; ва дар он рӯз
қавм аз ҷангал бештар талаф гардиданд, назар ба он ки аз шамшер
талаф гардиданд+.

## Мамоти Абшолӯм.

[9]Ва Абшолӯм тасодуфан ба навкарони Довуд дучор омад; ва
Абшолӯм бар хачире савор буд, ва хачир ба таги шохаҳои печ дар
печи булути бузурге даромад, ва сари ӯ дар шохаҳои булут андармон
шуд, ва ӯ дар миёни осмон ва замин муаллақ монд, ва хачире ки дар
тагаш буд, гузашта рафт.
[10]Ва шахсе инро дид ва ба Юоб хабар дода, гуфт: «Инак,
Абшолӯмро дидам, ки дар шохаҳои булут овезон аст».

11 Ва Юоб ба шахсе ки ба ӯ хабар дода буд, гуфт: «Инак, ту дидаӣ,
пас чаро ӯро дар он ҷо зада ба замин нағалтонидаӣ? Ва ман ба ту даҳ
сиқл нуқра ва камарбанде медодам».
12 Ва он шахс ба Юоб ҷавоб гардонида, гуфт: «Агар ба дастам ҳатто
ҳазор сиқл нуқра медоданд, ман дасти худро бар писари подшоҳ
дароз намекардам, зеро ки ба ту ва Абишой ва Иттой ба самъи мо амр
фармуда, гуфт: „Ба хотири ман ҳар яке аз шумо бо Абшолӯми ҷавон
эҳтиёт бошед“.
13 Ҳатто агар ман ба ҷони худ ҷабр карда, дурӯғ мегуфтам, ҳеҷ чиз,
охир, аз подшоҳ пинҳон намемонад, ва худи ту бар зидди ман қиём
менамудӣ».
14 Ва Юоб гуфт: «Раво нест, ки пеши ту даранг намоям». Ва ӯ се тир
ба дасташ гирифта, онҳоро ба дили Абшолӯм халонид, дар сурате ки
вай ҳанӯз дар миёни шохаҳои булут зинда буд.
15 Ва даҳ навкар, ки силоҳбардорони Юоб буданд, даври
Абшолӯмро гирифтанд ва ӯро зада куштанд.
16 Ва Юоб шох навохт, ва қавм аз таъқиб кардани Исроил
баргаштанд, зеро ки Юоб қавмро манъ намуд.
17 Ва Абшолӯмро гирифтанд, ва ӯро дар чуқурии калоне ки дар
ҷангал буд, андохтанд, ва бар ӯ сангтӯдаи бағоят бузурге барпо
карданд, ва тамоми Исроил, ҳар яке ба хаймаи худ, пароканда
шуданд+.
18 Ва Абшолӯм, вақте ки дар қайди ҳаёт буд, барои худ сутуне
барпо кард, ки он дар водии подшоҳ аст; зеро ки гуфт: «Писаре
надорам, ки номи ман ба воситаи вай зикр карда шавад»; ва он
сутунро ба номи худ хонд, ва он то имрӯз сутуни Абшолӯм номида
мешавад+.

## Мамоти писараш сабаби мотами азими Довуд мегардад.

19 Ва Аҳимаас ибни Содӯқ гуфт: «Изн бидеҳ, ки биравам ва мужда
ба подшоҳ бирасонам, ки Худованд доварӣ намуда, ӯро аз дасти
душманонаш халосӣ додааст».
20 Вале Юоб ба вай гуфт: «Ту имрӯз муждавар нестӣ, балки рӯзи
дигаре мужда хоҳӣ расонид, вале имрӯз мужда нахоҳӣ расонид,
чунки писари подшоҳ мурдааст».

21 Ва Юоб ба Кушӣ гуфт: «Бирав ва аз он чи дидаӣ, ба подшоҳ хабар
бирасон». Ва Кушӣ ба Юоб саҷда намуда, давид.
22 Ва Аҳимаас ибни Содӯқ боз ба Юоб муроҷиат намуда, гуфт: «Ҳар
чи бодо бод; изн бидеҳ, ки ман низ аз ақиби Кушӣ бидавам». Вале
Юоб гуфт: «Ҷаро ту мехоҳӣ бидавӣ, эй писарам? Ин мужда, охир, ба
ту мукофоте нахоҳад овард».
23 Вай гуфт: «Ҳар чи бодо бод; ман мехоҳам биравам». Ва ӯ ба вай
гуфт: «Пас, бидав». Ва Аҳимаас бо роҳи водӣ давида, аз Кушӣ пеш
гузашт.
24 Ва Довуд дар миёни ду дарвоза нишаста буд. Ва дидбон аз боми
дарвоза ба болои ҳисор баромад, ва чашмони худро баланд карда,
дид, ки инак, шахсе танҳо медавад.
25 Ва дидбон фарьёд зада, ба подшоҳ хабар дод. Ва подшоҳ гуфт:
«Агар танҳо бошад, муждае дар забони ӯст». Ва он шахс торафт
наздик меомад.
26 Ва дидбон шахси дигарро дид, ки медавад, ва дидбон ба
дарвозабон фарьёд зада, гуфт: «Инак, боз шахсе танҳо медавад». Ва
подшоҳ гуфт: «Ин низ муждавар аст».
27 Ва дидбон гуфт: «Ман давидани шахси аввалинро мебинам, ки
мисли давидани Аҳимаас ибни Содӯқ аст». Ва подшоҳ гуфт: «Ин
шахси хуб аст, ва муждаи хуб меоварад»+.
28 Ва Аҳимаас нидо карда, ба подшоҳ гуфт: «Саломатист!» Ва пеши
подшоҳ бар рӯи худ то замин саҷда бурда, гуфт: «Муборак аст
Худованд Худои ту, ки мардумеро, ки ба оғоям подшоҳ дасти таҷовуз
дароз карда буданд, таслим намуд!».
29 Ва подшоҳ гуфт: «Оё Абшолӯми ҷавон саломат аст?» Ва Аҳимаас
гуфт: «Вақте ки Юоб, бандаи подшоҳ, бандаи туро фиристод,
издиҳоми бузурге дидам, вале надонистам, ки чӣ буд».
30 Ва подшоҳ гуфт: «Бигард ва ин ҷо биист». Вай гашта онсӯтар
рафт ва истод.
31 Ва инак, Кушӣ омад. Ва Кушӣ гуфт: «Оғоям подшоҳ ин муждаро
қабул фармояд, ки Худованд имрӯз доварӣ намуда, туро аз дасти
ҳамаи онҳое ки бар зидди ту қиём карда буданд, раҳоӣ додааст».
32 Ва подшоҳ ба Кушӣ гуфт: «Оё Абшолӯми ҷавон саломат аст?» Ва
Кушӣ гуфт: «Душманони оғоям подшоҳ ва ҳамаи онҳое ки бар ту
барои бадӣ қиём мекунанд, мисли он ҷавон бишаванд!»+

33 Ва подшоҳ ба изтироб омад ва ба ҳуҷраи болои дарвоза
баромада, гиръя кард; ва ҳангоми қадам заданаш чунин мегуфт: «Вой
писарам Абшолӯм! Вой писарам, писарам Абшолӯм! Кошки ман ба
ҷои ту мемурдам, вой Абшолӯм писарам, писарам!»

## Юоб Довудро мазаммат менамояд.

**19** [1] Ва ба Юоб хабар доданд: «Инак, подшоҳ барои Абшолӯм
гирья мекунад, ва мотам гирифтааст».
[2] Ва дар он рӯз шодии ғалаба барои тамоми қавм ба мотам табдил
ёфт, зеро қавм дар он рӯз шуниданд, ки подшоҳ барои писараш
андӯҳгин аст.
[3] Ва дар он рӯз қавм дуздвор ба шаҳр дохил мешуданд, монанди
касоне ки аз майдони ҷанг гурехта, аз рӯи шарм дуздвор меоянд.
[4] Ва подшоҳ рӯи худро пӯшонида буд, ва подшоҳ бо овози баланд
фарьёд мезад: «Вой писарам Абшолӯм! Вой Абшолӯм писарам,
писарам!»
[5] Ва Юоб назди подшоҳ ба хона даромада, гуфт: «Имрӯз ту рӯи
ҳамаи навкарони худро хиҷил кардӣ, ки онҳо ҷони туро, ва ҷони
писарон ва духтаронатро, ва ҷони занонатро, ва ҷони сурриягонатро
имрӯз халосӣ доданд;
[6] Чунки ту бадхоҳонатро дӯст медорӣ ва аз дӯстонат нафрат дорӣ,
зеро имрӯз нишон додӣ, ки сарварон ва навкарон дар назари ту
ҳеҷанд, ва имрӯз ман донистам, ки агар Абшолӯм зинда мемонд, ва
ҳамаи мо имрӯз мемурдем, ин ба назари ту писанд меомад.
[7] Ва алҳол бархоста, берун ой ва ба навкаронат суханони дилнавоз
бигӯй, зеро ба Худованд қасам мехӯрам, ки агар берун наоӣ, имшаб
назди ту як нафар ҳам нахоҳанд монд, ва ин барои ту аз ҳамаи
фалокатҳое ки аз наврасиат то ҳоло ба сари ту омадааст, бадтар
хоҳад буд».
[8] Ва подшоҳ бархоста, назди дарвоза нишаст, ва ба тамоми қавм
хабар дода, гуфтанд: «Инак, подшоҳ назди дарвоза нишастааст». Ва
тамоми қавм ба ҳузури подшоҳ омаданд, вале исроилиён ҳар яке ба
хаймаи худ гурехта рафта буданд+.

## Довуд ба Ерусалим бармегардад.

[9] Ва тамоми қавм дар ҳамаи сибтҳои Исроил баҳсу мунозира
карда, мегуфтанд: «Подшоҳ моро аз дасти душманони мо халос
кардааст, ва ӯ моро аз дасти фалиштиён наҷот додааст, ва алҳол аз ин
замин аз боиси Абшолӯм гурехтааст+.

10 Ва Абшолӯм, ки ӯро мо бар худ тадҳин намуда будем, дар ҷанг
мурдааст; ва алҳол чаро шумо дар бобати баргардонидани подшоҳ
хомӯш мемонед?»
11 Ва подшоҳ назди коҳинон Содӯқ ва Абьётор фиристода, гуфт:
«Ба пирони Яҳудо сухан ронда, бигӯед: „Чаро шумо дар бобати
баргардонидани подшоҳ ба хонааш мехоҳед охирин бошед, дар
сурате ки сухани тамоми Исроил назди подшоҳ ба хонааш
расидааст+?
12 Шумо бародарони ман ҳастед, устухони ман ва гӯшти ман
ҳастед, пас чаро дар бобати баргардонидани подшоҳ мехоҳед охирин
бошед?“
13 Ва ба Амосо бигӯед: „Ту, охир, устухон ва гӯшти ман ҳастӣ.
Бигзор Худо ба ман чунин ва зиёда аз ин бикунад, агар ту ба ҳузури
ман дар тамоми айём ба ҷои Юоб сарлашкар нагардӣ!“»+
14 Ва ӯ дили тамоми мардуми Яҳудоро, мисли як тан, ба худ моил
гардонид, ва онҳо назди подшоҳ фиристоданд: «Ту ва ҳамаи
навкаронат баргардед».
15 Ва подшоҳ баргашта, ба Урдун расид; ва мардуми Яҳудо ба
Ҷилҷол омаданд, то ки подшоҳро пешвоз гиранд ва подшоҳро аз
Урдун гузаронанд+.
16 Ва Шимъӣ ибни Ҷерои биньёминӣ, ки аз Баҳурим буд, шитофта,
бо мардуми Яҳудо ба пешвози подшоҳ Довуд фурӯд омад+.
17 Ва ҳазор нафар аз биньёминиён, ва Сибо, навкари хонадони
Шоул, бо понздаҳ писараш ва бист навкараш ҳамроҳи ӯ буданд; ва
онҳо аз Урдун пеши подшоҳ убур карданд+.
18 Ва чун аз маъбари Урдун убур намуданд, то ки хонадони
подшоҳро гузаронанд ва ҳар чизи дар назари ӯ мақбулро ба амал
оваранд, Шимъӣ ибни Ҷеро ба ҳузури подшоҳ, пеш аз он ки ӯ аз
Урдун убур кунад, афтод,
19 Ва ба подшоҳ гуфт: «Оғоям маро айбдор нашуморад, ва
гуноҳеро, ки бандаат дар рӯзе ки оғоям подшоҳ аз Ерусалим берун
меомад, содир кардааст, ба ёд наоварад, ва подшоҳ онро ба дили худ
нагирад,+
20 Зеро ки ман, бандаат, медонам, ки хато кардаам, ва инак, имрӯз
аз тамоми хонадони Юсуф аввалин шуда омадаам, то ки ба пешвози
оғоям подшоҳ бароям».

21 Ва Абишой ибни Саруё ҷавоб дода, гуфт: «Оё Шимъӣ аз барои ин
кушта нашавад? Вай, охир, масеҳи Худовандро дашном додааст»+.
22 Вале Довуд гуфт: «Маро бо шумо, эй писарони Саруё, чӣ кор аст,
ки имрӯз монеае барои ман мешавед? Оё равост, ки касе имрӯз дар
Исроил кушта шавад? Ба ман, охир, имрӯз маълум шудааст, ки ман
бар Исроил подшоҳ ҳастам»+.
23 Ва подшоҳ ба Шимъӣ гуфт: «Ту нахоҳӣ мурд». Ва подшоҳ ба ӯ
қасам хӯрд+.
24 Ва Мефибӯшет ибни Шоул ба пешвози подшоҳ баромад. Ва ӯ аз
рӯзе ки подшоҳ рафт, то рӯзе ки ба саломатӣ баргашт, на пойҳояшро
шуста буд, на мӯйлабашро қайчӣ зада буд, ва на либосҳояшро
ҷомашӯӣ карда буд+.
25 Ва ҳангоме ки ӯ аз Ерусалим ба пешвози подшоҳ омад, подшоҳ
ба ӯ гуфт: «Чаро ту, эй Мефибӯшет, бо ман нарафтӣ?»
26 Ва ӯ гуфт: «Эй оғоям подшоҳ! Навкарам маро фиреб дод; зеро ки
ман, бандаи ту, ба дили худ гуфтам: „Хари худро зин карда ва бар он
савор шуда, бо подшоҳ биравам“; зеро ки бандаат ланг аст.
27 Вале вай дар ҳаққи бандаат назди оғоям подшоҳ бӯҳтон
гуфтааст. Валекин оғоям подшоҳ мисли фариштаи Худост, ва ҳар чи
дар назарат писанд ояд, ба амал овар+.
28 Агарчи тамоми хонадони падарам ба ҳузури оғоям подшоҳ
сазовори мамот буданд, вале ту бандаатро дар миёни хӯрандагони
суфраи худ шинондӣ; пас, ман боз чӣ ҳақ дорам, ки назди подшоҳ
шиква намоям?»+
29 Ва подшоҳ ба ӯ гуфт: «Чаро боз ин суханатро мегӯӣ? Ман
мегӯям: ту ва Сибо киштзорро тақсим кунед».
30 Ва Мефибӯшет ба подшоҳ гуфт: «Бигзор вай ҳамаашро гирад,
модом ки оғоям подшоҳ ба саломатӣ ба хонаи худ баргаштааст».
31 Ва Барзилои ҷилъодӣ аз Рӯҷлим фурӯд омада, бо подшоҳ аз
Урдун гузашт, то ки ӯро ба он тарафи Урдун гусел намояд.
32 Ва Барзилой марди бағоят пир буд: ба синни ҳаштодсолагӣ
расида буд, ва ӯ подшоҳро, ҳангоме ки дар Маҳаноим меистод, дар
таъминоти худ нигоҳ дошт, зеро ки ӯ шахси бағоят сарватдор буд+.
33 Ва подшоҳ ба Барзилой гуфт: «Ту бо ман биё, ва ман туро дар
Ерусалим дар таъминоти худ нигоҳ хоҳам дошт».

34 Ва Барзилой ба подшоҳ гуфт: «Айёми солҳои ҳаёти ман чӣ қадар
аст, ки бо подшоҳ ба Ерусалим биравам?
35 Ман алҳол ҳаштодсола ҳастам. Оё ман метавонам некро аз бад
фарқ кунам? Оё бандаат таъми он чиро, ки мехӯрам ва менӯшам,
метавонад ҳис намояд? Оё боз овози муғанниён ва муғанниягонро
метавонам бишнавам? Пас, чаро бандаат боз ба оғоям подшоҳ гаронӣ
кунад+?
36 Боз андаке бандаат бо подшоҳ аз Урдун убур хоҳад кард; ва чаро
подшоҳ ба ман чунин подош диҳад?
37 Ба бандаи худ изн бидеҳ, ки баргардад, то ки дар шаҳри худ
назди мақбараи падару модари худ бимирам. Ва инак, бандаат
Кимҳом бо оғоям подшоҳ биравад, ва ҳар чи дар назарат писанд ояд,
бо вай ба амал овар»+.
38 Ва подшоҳ гуфт: «Бигзор Кимҳом бо ман ояд, ва он чи дар
назари ту писанд бошад, ман барои вай ба амал хоҳам овард, ва ҳар
чи аз ман талаб намоӣ, барои ту ба ҷо хоҳам овард».
39 Ва тамоми қавм аз Урдун убур карданд. Ва подшоҳ убур намуд.
Ва подшоҳ Барзилойро бӯсид, ва ӯро баракат дод, ва ӯ ба макони худ
баргашт.
40 Ва подшоҳ ба Ҷилҷол равона шуд, ва Кимҳом бо ӯ рафт. Ва
тамоми қавми Яҳудо подшоҳро гуселониданд, ва нисфи қавми
Исроил низ.
41 Ва инак, тамоми мардуми Исроил назди подшоҳ омаданд, ва ба
подшоҳ гуфтанд: «Аз чӣ сабаб бародарони мо, мардуми Яҳудо, туро
дуздиданд, ва подшоҳ ва хонадонашро аз Урдун гузарониданд, дар
сурате ки ҳамаи одамони Довуд бо ӯ буданд?»
42 Ва тамоми мардуми Яҳудо ба мардуми Исроил ҷавоб
гардониданд: «Аз он сабаб, ки подшоҳ хешованди мост. Пас, чаро ин
шуморо ба хашм овардааст? Оё мо чизе аз суфраи подшоҳ хӯрдаем?
Оё инъоме аз ӯ ба мо расидааст?»
43 Ва мардуми Исроил ба мардуми Яҳудо ҷавоб гардонида,
гуфтанд: «Моро дар подшоҳ даҳ ҳисса ҳаст, дар Довуд низ ҳиссаи мо
назар ба шумо бештар аст. Пас, чаро моро хор доштед? Ва оё мо дар
бораи баргардонидани подшоҳи худ аввалин шуда сухан нарондем?»
Валекин сухани мардуми Яҳудо аз сухани мардуми Исроил сахттар
буд+.

## Шӯриши Шобаъ.

**20** 1 Аз қазо дар он ҷо марди нобакоре буд, ки биньёминӣ буда,
Шобаъ ибни Бикрӣ ном дошт; ва ӯ шох навохта, гуфт:
«Моро дар Довуд ҳиссае нест
ва дар писари Йисой моро насибе нест;
ҳар яке ба хаймаи худ биравед, эй Исроил!»+
2 Ва тамоми мардуми Исроил аз Довуд чудо шуда, аз паи Шобаъ
ибни Бикрӣ рафтанд, вале мардуми Яҳудо подшоҳи худро аз Урдун
то Ерусалим ҳамроҳӣ карданд.
3 Ва Довуд ба хонаи худ ба Ерусалим омад; ва подшоҳ даҳ зани
суррияро, ки барои нигаҳбонии хона монда буд, гирифт, ва онҳоро
дар бандихона ҷой дод, ва онҳоро дар таъминоти худ нигоҳ медошт,
вале назди онҳо дохил намешуд; ва онҳо то вақти мамоташон, дар
ҳолати зиндабевагӣ, бандӣ буданд+.

## Юоб Амосоро мекушад.

4 Ва подшоҳ ба Амосо гуфт: «Мардуми Яҳудоро дар зарфи се рӯз
назди ман даъват намо, ва худат дар ин ҷо ҳозир шав»+.
5 Ва Амосо рафт, то ки аҳли Яҳудоро даъват намояд, вале аз
мӯҳлате ки барояш муқаррар карда шуда буд, даранг кард.
6 Ва Довуд ба Абишой гуфт: «Алҳол Шобаъ ибни Бикрӣ ба мо
бештар аз Абшолӯм осеб хоҳад расонид; ту навкарони оғоятро
гирифта, варо таъқиб намо, мабодо вай барои худ шаҳрҳои
ҳисордоре пайдо карда, аз пеши назари мо пинҳон шавад».
7 Ва одамони Юоб, ва каритиён ва фалитиён, ва ҳамаи паҳлавонон
аз паи ӯ берун рафтанд; ва онҳо аз Ерусалим берун рафтанд, то ки
Шобаъ ибни Бикриро таъқиб намоянд+.
8 Вақте ки онҳо ба санги бузурге ки дар Ҷибъӯн аст, расиданд,
Амосо аз пешашон баромад. Ва Юоб либоси ҳарбӣ дар бар дошт, ва
бар он тасмаи шамшери ғилофдор бар камараш баста шуда буд, ва
ҳангоме ки ӯ берун омад, шамшер аз ғилоф афтод.
9 Ва Юоб ба Амосо гуфт: «Оё ту саломат ҳастӣ, бародарам?» Ва Юоб
бо дасти росташ риши Амосоро гирифт, то ки ӯро бӯса кунад.
10 Ва Амосо аз шамшере ки дар дасти Юоб буд, эҳтиёт нашуд, ва
онро вай ба шиками ӯ зад, ва амъояш бар замин рехт, ва ӯро дубора

назад, ва ӯ мурд. Ва Юоб ва бародараш Абишой Шобаъ ибни Бикриро
таъқиб карданд+.
11 Ва яке аз навкарони Юоб назди мурда истода, мегуфт: «Ҳар кӣ
Юоброхоҳон аст, ва ҳар кӣ ба Довуд содиқ аст, аз паи Юоб биравад!»
12 Ва Амосо дар миёни роҳ ба хун ҷӯлида ҷон меканд; ва он навкар
дид, ки тамоми қавм меистанд, бинобар ин Амосоро аз миёни роҳ ба
тарафи саҳро кашида бурд, ва либосе бар ӯ партофт, зеро дид, ки ҳар
кӣ аз пеши ӯ гузарад, меистад.

## Фурӯнишонии шӯриши Шобаъ.

13 Аммо вақте ки ӯ аз миёни роҳ дур карда шуд, ҳама аз паи Юоб
рафтанд, то ки Шобаъ ибни Бикриро таъқиб намоянд.
14 Ва ӯ аз ҳамаи сибтҳои Исроил то Обили Байт-Маако ва ҳамаи
бериён гузашта буд, ва инҳо низ аз паи ӯ мерафтанд+.
15 Вале онҳо омада, ӯро дар Обили Байт-Маако муҳосира карданд,
ва хоктӯдае пеши шаҳр барпо намуданд, ки он то ба сари ҳисор
расид, ва тамоми қавме ки бо Юоб буданд, ҳисорро вайрон
мекарданд, то ки онро афтонанд.
16 Ва зани оқилае аз шаҳр фарьёд кашид: «Бишнавед, бишнавед!
Лутфан, ба Юоб бигӯед: „Ба ин ҷо наздик ой, то ки ман бо ту сухан
гӯям“».
17 Ва ӯ назди вай омад, ва зан гуфт: «Оё ту Юоб ҳастӣ?» Ва ӯ гуфт:
«Ман ҳастам». Ва ба ӯ гуфт: «Суханони канизатро бишнав». Ва ӯ гуфт:
«Ман мешунавам».
18 Вай сухан ронда, гуфт: «Пештар чунин мегуфтанд: „Дар Обил
мебояд машварат пурсид“, ва ҳар масъаларо ба ҳамин тариқ ҳал
мекарданд.
19 Ман сулҳҷӯ ва амини Исроил ҳастам; ту мехоҳӣ шаҳреро, ки
модари шаҳрҳост, дар Исроил хароб кунӣ; барои чӣ туро лозим аст,
ки мулки Худовандро маҳв намоӣ?»
20 Ва Юоб ҷавоб гардонида, гуфт: «Ҳошо ва калло, ки ман хароб
кунам ё маҳв намоям!
21 Асли масъала чунин нест, балки шахсе аз кӯҳи Эфроим, ки
Шобаъ ибни Бикрӣ ном дорад, ба подшоҳ Довуд дасти тааддӣ дароз
кардааст; ӯро танҳо бисупоред, ва ман аз шаҳр ақиб хоҳам гашт». Ва

зан ба Юоб гуфт: «Инак, сари ӯ аз болои ҳисор назди ту партофта
хоҳад шуд».
22 Ва зан бо нутқи оқилонаи худ назди тамоми қавм омад, ва онҳо
сари Шобаъ ибни бикриро аз тан ҷудо карда, назди Юоб партофтанд.
Ва ӯ шох навохт, ва ҳама аз пеши шаҳр, ҳар яке сӯи хаймаи худ, паҳн
шуда рафтанд. Ва Юоб ба Ерусалим назди подшоҳ баргашт.
23 •Ва Юоб сардори тамоми лашкари Исроил буд; ва Баноё ибни
Еҳӯёдоъ — сардори каритиён ва фалитиён;+
24 Ва Адӯром — сардори боҷу хироҷ; ва Еҳӯшофот ибни Аҳилуд —
вақоеънавис;+
25 Ва Шево — котиб; ва Содӯқ ва Абьётор — коҳинон+.
26 Ва Ирои ёирӣ низ назди Довуд коҳин буд.

## Қаҳтӣ се сол давом мекунад.

**21** 1 Ва дар айёми Довуд се сол, сол аз паи сол, қаҳтӣ шуд, ва Довуд аз Худованд пурсид, ва Худованд гуфт: «Ин аз боиси Шоул ва хонадони хунрезӣ ӯст, аз боиси он аст, ки ӯ ҷибъӯниёнро куштааст».

2 Ва подшоҳ ҷибъӯниёнро даъват намуда, бо онҳо сухан ронд. Валекин ҷибъӯниён аз банӣ-Исроил не, балки аз бақияи амӯриён буданд, ва банӣ-Исроил ба онҳо қасам хӯрда буданд, аммо Шоул аз рашке ки барои банӣ-Исроил ва Яҳудо дошт, мехост онҳоро несту нобуд кунад+.

3 Ва Довуд ба ҷибъӯниён гуфт: «Барои шумо чӣ кор кунам, ва бо чӣ гуна тадбир кафорат намоям, то ки шумо мулки Худовандро баракат диҳед?»

4 Ва ҷибъӯниён ба ӯ гуфтанд: «Аз Шоул ва хонадонаш нуқра ва тилло талаб надорем, ва моро лозим нест, ки касе дар Исроил кушта шавад». Ва ӯ гуфт: «Ҳар чӣ шумо бигӯед, бароятон хоҳам кард».

5 Ва онҳо ба подшоҳ гуфтанд: «Он касе ки моро несту нобуд мекард, ва дар ҳаққи мо ният дошт, ки моро маҳв намояд, то ки дар тамоми ҳудуди Исроил касе аз мо боқӣ намонад, —

6 Бигзор ҳафт нафар аз фарзандони вай ба мо супурда шаванд, ва мо онҳоро барои Худованд дар Ҷибъои Шоул, ки гузини Худованд буд, ба дор хоҳем кашид». Ва подшоҳ гуфт: «Ман онҳоро хоҳам супурд»+.

7 Вале подшоҳ ба Мефибӯшет ибни Йӯнотон ибни Шоул раҳм кард, ба хотири қасами Худованд, ки дар миёни онҳо, яъне дар миёни Довуд ва Йӯнотон ибни Шоул буд+.

8 Ва подшоҳ Армӯнӣ ва Мефибӯшет — ду писари Рисфо бинти Айёро, ки барои Шоул зоида буд, ва панҷ писари Мераб бинти Шоулро, ки барои Адриил ибни Барзилои маҳулотӣ зоида буд, гирифт,+

9 Ва онҳоро ба дасти ҷибъӯниён супурд, ва онҳоро бар кӯҳ ба ҳузури Худованд ба дор кашиданд, ва ин ҳафт нафар якҷоя афтоданд; ва онҳо дар рӯзҳои аввали дарав, дар ибтидои дарави ҷав кушта шуданд+.

10 Ва Рисфо бинти Айё палосе гирифта, онро аз ибтидои дарав
барои худ бар сахра густаронид, ва то вақте ки об бар онҳо аз осмон
рехт, нагузошт, ки мурғони ҳаво рӯзона ва ҳайвоноти саҳро шабона
бар онҳо фурӯд оянд.
11 Ва ба Довуд аз он чи Рисфо бинти Айё, суррияи Шоул, карда буд,
хабар доданд.
12 Ва Довуд рафта, устухонҳои Шоул, ва устухонҳои писари ӯ
Йӯнотонро аз сокинони Ёбиш-Ҷилъод гирифт: онҳо он устухонҳоро
аз майдони Байт-Шон duздида буданд, ки дар он ҷо фалиштиён
онҳоро ба дор кашида буданд, дар рӯзе ки фалиштиён Шоулро дар
Ҷилбӯа кушта буданд+.
13 Ва ӯ аз он ҷо устухонҳои Шоул ва устухонҳои писари ӯ
Йӯнотонро овард, ва устухонҳои онҳоеро, ки ба дор кашида шуда
буданд, ҷамъ карданд,
14 Ва устухонҳои Шоул ва писари ӯ Йӯнотонро дар замини
Биньёмин, дар Селоъ, дар мақбараи падараш Қиш дафн карданд, ва
ҳар чиро, ки подшоҳ амр фармуда буд, ба ҷо оварданд; ва баъд аз он
Худо бар замин марҳамат намуд+.

## Ҷанг бо фалиштиён.

15 Ва боз фалиштиён бо Исроил ҷанг карданд; ва Довуд бо
навкаронаш фурӯд омада, бо фалиштиён ҷангиданд, ва Довуд монда
шуд.
16 Ва Йишбии нубӣ, ки аз авлоди Рофо буд, ва вазни найзааш сесад
сиқл мис буд, ва шамшери наве бар камар дошт, хост, ки Довудро
бикушад+.
17 Вале Абишой ибни Саруё ба ӯ ёварӣ намуд, ва фалиштиро зада,
кушт. Он гоҳ одамони Довуд қасам хӯрда, ба ӯ гуфтанд: «Дигар бо мо
ба ҷанг нахоҳӣ баромад, то ки чароғи Исроилро хомӯш накунӣ»+.
18 Ва баъд аз он боз ҷанге бо фалиштиён дар Ҷуб рӯй дод; он вақт
Сибкои ҳушотӣ Сафро, ки аз авлоди Рофо буд, кушт+.
19 Ва боз ҷанге бо фалиштиён дар Ҷуб рӯй дод; ва Элҳонон ибни
Яъре-Урҷими байтлаҳмӣ Ҷольёти ҷаттиро кушт, ки дастаи найзааш
мисли наварди нассоҷон буд+.
20 Ва боз ҷанге дар Ҷат рӯй дод; ва марди бузургҷуссае буд, ки
дасту пойҳояш ҳар яке шаш ангушт дошт, — ҷамъ бисту чорто; вай

низ аз авлоди Рофо буд.
[21] Ва ҳангоме ки вай Исроилро дашном медод, Йӯнотон ибни
Шимъо, бародари Довуд, варо кушт+.
[22] Ин чор нафар барои Рофо дар Ҷат зоида шуда буданд, ва аз дасти
Довуд ва навкаронаш фурӯ ғалтиданд+.

## Мадҳияи Довуд ба муносибати раҳо шуданаш аз душманон.

# 22

1 •Ва Довуд, дар рӯзе ки Худованд ӯро аз дасти ҳамаи
душманонаш ва аз дасти Шоул раҳо кард, суханони ин сурудро
барои Худованд ба забон ронд,
2 Ва гуфт:
«Худованд сахраи ман ва қалъаи ман ва раҳокунандаи ман аст.
3 Худо кӯҳпораи ман аст, ки ба вай паноҳ мебарам;
сипари ман ва шохи наҷоти ман аст, паноҳгоҳ ва гурезгоҳи ман аст.
Эй наҷотдиҳандаи ман, Ту маро аз зулм халосӣ медиҳӣ+.
4 Худованди мамдӯҳро мехонам,
ва аз душманонам халосӣ меёбам+.
5 Вақте ки мавҷҳои мамот маро фаро гирифт,
селҳои ҳалокат маро ба ҳарос андохт,+
6 Азиятҳои гӯр маро иҳота намуд,
ва домҳои мамот аз пешам баромад, —+
7 Дар тангии худ Худовандро хондам,
ва Худои худро даъват намудам,
ва Ӯ аз қасри Худ овози маро шунид,
ва истиғосаи ман ба гӯшаш расид+.
8 Ва замин ба ҳаяҷон ва ларза омад,
асосҳои осмон ларзида,
ба ҷунбиш омад, зеро ки Ӯ дарғазаб шуд+.
9 Дуд аз димоғи Ӯ баромад,
ва оташи оламсӯз аз даҳони Ӯ;
ахгарҳо аз Ӯ афрӯхта мешуд+.
10 Ва Ӯ осмонро хам карда, фурӯд омад,
ва меғ зери пойҳояш буд+.
11 Ва бар каррубӣ савор шуда, парвоз намуд,
ва бар болҳои бод намоён шуд+.
12 Ва гирдогирди Худ зулмотро мисли чодире густаронид,
ва маҷмӯи обҳои абрҳои осмонро+.
13 Аз дурахше ки аз ҳузури Ӯ берун меомад,
ахгарҳои оташ афрӯхта мешуд.
14 Худованд аз осмон гулдуррос зад,

ва Ҳаққи Таоло овози Худро баровард+.
15 Ва тирҳо фиристода, онҳоро пароканда кард,
ва барқ афканда, онҳоро ошуфта сохт+.
16 Ва маҷроҳои об намоён гардид,
ва асосҳои коинот ошкор шуд, — аз итоби Худованд,
аз вазиши боди ғазаби Ӯ+.
17 Аз афроз фиристода, маро гирифт,
аз обҳои бисьёр маро кашида баровард+.
18 Маро аз душмани зӯроварам халосӣ дод,
ва аз бадхоҳонам, ки аз ман қавитар буданд+.
19 Онҳо дар рӯзи мусибатам аз пешам баромаданд,
вале Худованд такьягоҳи ман буд,
20 Ва маро ба фарохӣ баровард, маро халосӣ дод,
зеро ки Ӯ маро дӯст медорад+.
21 Худованд ба ман мувофиқи адолатам подош медиҳад,
мувофиқи покии дастҳоям маро мукофот менамояд,+
22 Зеро ки ман тариқҳои Худовандро риоя кардаам,
ва аз Худои худ шарирона нагаштаам;
23 Чунки тамоми аҳкоми Ӯ пеши назари ман аст,
ва аз фароизи Ӯ ман дур нашудаам.
24 Ман ба ҳузури Ӯ беайб будам,
ва аз маъсиятҳо худдорӣ кардаам+.
25 Ва Худованд маро мувофиқи адолатам мукофот намуд,
ва мувофиқи покие ки пеши назари Ӯ доштам.
26 Бо эҳсонкор Ту эҳсонкорӣ мекунӣ,
бо марди росткор росткорӣ менамоӣ.
27 Бо покдил Ту покдилона рафтор мекунӣ,
ва бо каҷкор — мувофиқи каҷкории вай.
28 Ва мардуми шикастанафсро Ту наҷот медиҳӣ,
ва бо нигоҳи чашмони Худ мағруронро залил мегардонӣ+.
29 Ба яқин Ту чароғи ман ҳастӣ, эй Худованд!
Ва Худованд зулмоти маро ба рӯшноӣ табдил медиҳад+.
30 Ба яқин бо Ту ман бар фавҷе тохт меоварам;
бо Худои худ ман аз ҳисор ҷаста мегузарам.
31 Тариқи Худо рост аст,
каломи Худованд амин аст,

ва Ӯ барои ҳамаи онҳое ки ба Ӯ паноҳ мебаранд, сипар аст+.
32 Зеро кист Худо, ғайр аз Худованд,
ва кист кӯҳпора, ғайр аз Худои мо+?
33 Худо қалъаи иқтидори ман аст,
ва тариқи маро рост мекунад.
34 Пойҳои маро мисли пои гавазнҳо мегардонад,
ва бар баландиҳоям маро мегузорад+.
35 Дастҳои маро ба ҳарбу зарб омӯхта мекунад,
ва камони мисин дар бозуҳоям мешиканад+.
36 Ва сипари наҷоти Худро ба ман ато намудӣ,
ва иҷобати Ту маро сарафроз месозад.
37 Қадамҳои маро дар таги ман васеъ кардӣ,
ва пойҳоям налағжид.
38 Ва душманонамро таъқиб менамоям, то ки онҳоро нест кунам,
ва то маҳв нашаванд, барнамегардам.
39 Ва онҳоро нест кардам ва зарба задам, ба тавре ки дигар нахоҳанд бархост;
ва онҳо зери пойҳои ман афтоданд.
40 Ва Ту камари маро барои ҷанг мустаҳкам бастӣ;
онҳоеро, ки ба зидди ман қиём мекунанд, ба зери ман тобеъ хоҳӣ намуд+.
41 Ва душманонамро Ту аз пеши ман гурезондӣ,
ва ман адуёнамро несту нобуд кардам+.
42 Онҳо мадад металабанд, вале наҷотдиҳандае нест;
ба Худованд рӯй меоваранд, вале Ӯ онҳоро иҷобат наменамояд+.
43 Ва ман онҳоро мисли ғубори замин гард-гард мекунам,
мисли лои кӯчаҳо пахш ва поймол менамоям+.
44 Ва Ту маро аз исьёнҳои қавми ман халосӣ додӣ;
Ту маро маҳфуз доштӣ, то ки сардори халқҳо гардам;
қавме ки ман намешинохтам, ба ман бандагӣ мекунанд+.
45 Аҷнабиён пеши ман тамаллуқ менамоянд,
фақат овозаи маро шунида, ба ман тобеъ мешаванд+.
46 Аҷнабиён пажмурда хоҳанд шуд,
ва аз истеҳкомоти худ бо тарсу бим берун хоҳанд омад+.
47 Худованд зинда аст, ва кӯҳпораи ман муборак;
ва Худои кӯҳпораи наҷоти ман сарафроз бод!

48 Эй Худое ки интиқоми маро мегирӣ,
ва қавмҳоро ба ман тобеъ менамоӣ,+
49 Ва маро аз душманонам халосӣ медиҳӣ,
ва маро аз онҳое ки бар ман қиём мекунанд, баланд мегардонӣ!
Ту маро аз шахси золим раҳонидаӣ+.
50 Бинобар ин ман Туро, эй Худованд, дар миёни халқҳо ҳамд хоҳам гуфт,
ва исми Туро тараннум хоҳам намуд+.
51 Ӯ бурҷи наҷот аст барои подшоҳи Худ,
ва Ӯ ба масеҳи Худ марҳамат менамояд,
яъне ба Довуд ва насли вай то абад!»+

## Суханони охирини Довуд.

3 [1] Ва ин аст суханони охирини Довуд —
вахйи Довуд ибни Йисой, —
вахйи марде ки баланд бардошта шуд,
яъне масеҳи Худои Яъқуб,
ва муғаннии ширинкаломи Исроил:
[2] «Рӯҳи Худо дар ман сухан ронд,
ва каломи Ӯ бар забони ман аст+.
[3] Худои Исроил сухан ронд,
кӯҳпораи Исроил ба ман гуфт:
„Касе ки бар одамон салтанат меронад, бояд одиле бошад,
ки бо худотарсӣ салтанат ронад+.
[4] Ва ин мисли рӯшноии субҳ аст,
вақте ки офтоб тулӯъ мекунад,
яъне вақте ки субҳ бе абр аст,
ва аз дурахшонии баъд аз борон майса аз замин неш зада мебарояд“.
[5] Оё хонаи ман бо Худо чунин нест?
Ӯ, охир, аҳди ҷовидонӣ бо ман бастааст,
ки он аз ҳар ҷиҳат мураттаб ва мустаҳкам аст.
Пас, оё тамоми наҷоти маро,
ва тамоми муроди маро Ӯ ба вуҷуд намеоварад+?
[6] Вале нобакорон саросар мисли хорҳо мебошанд, ки дур андохта мешаванд,
чунки онҳоро ба даст гирифтан мумкин нест.
[7] Ва агар касе бихоҳад ба онҳо даст расонад,
бояд бо оҳан ва чӯбдастаи найза мусаллаҳ шавад;
ва онҳо дар макони худ бо оташ сӯзонида мешаванд».

## Ҳамкорони пуршарафи Довуд.

[8] •Ин аст номҳои паҳлавононе ки Довуд дошт: он ки дар маҷлиси
ҳакимон менишаст ва сардори сегона буд, яъне Адинӯ Ҳоэснӣ, ки бар
ҳаштсад нафар тохт оварда, ҳамаашонро дар як маъракa кушта буд.
[9] Ва баъд аз вай Элъозор ибни Дӯдӯ ибни Аҳӯхӣ, яке аз он се
паҳлавоне ки бо Довуд буданд. Вақте ки фалиштиёнро ба воситаи

дашномҳо иғво карданд, онҳо барои ҷанг ҷамъ шуданд, вале
мардуми Исроил гурехта рафтанд,
10 Он гоҳ ӯ бархоста, ба фалиштиён шикаст расонид, ба тавре ки
дасташ хаста шуд ва дасташ ба шамшер часпид; ва Худованд дар он
рӯз ғалабаи бузурге ба амал овард, ва қавм аз паи ӯ фақат барои яғмо
кардан баргаштанд.
11 Ва баъд аз ӯ Шаммо ибни Оҷии ҳарорӣ. Вақте ки фалиштиён дар
ӯрдугоҳ ҷамъ омаданд, дар ҷое ки қитъаи саҳро пур аз адас буд, вале
қавм аз пеши фалиштиён гурехта рафтанд,
12 Он гоҳ ӯ дар миёни он қитъа истода, онро ҳимоят намуд, ва ба
фалиштиён шикаст расонид; ва Худованд ғалабаи бузурге ба амал
овард.
13 Ва се нафар аз он сӣ сардор фурӯд омада, дар вақти дарав назди
Довуд ба мағораи Адулом даромаданд; ва қӯшуни фалиштиён дар
водии Рафоим ӯрду зада буданд+.
14 Ва Довуд он вақт дар қалъа буд; ва дастаи фалиштиён он вақт
дар Байт-Лаҳм меистоданд.
15 Ва Довуд изҳори орзу намуда, гуфт: «Кошки касе маро аз чоҳе ки
назди дарвозаи Байт-Лаҳм аст, об бинӯшонад!»
16 Ва ин се паҳлавон ӯрдугоҳи фалиштиёнро рахна карда, аз чоҳе
ки назди дарвозаи Байт-Лаҳм аст, об кашиданд ва онро бардошта,
назди Довуд оварданд, вале ӯ нахост, ки онро бинӯшад, ва онро
ҳамчун ҳадияи рехтанӣ барои Худованд рехт,+
17 Ва гуфт: «Ҳошо аз тарси Худованд, ки ман чунин амал намоям!
Оё хуни он касонро бинӯшам, ки ҷони худро дар хатар гузошта
рафтаанд?» Ва ӯ нахост, ки онро бинӯшад. Чунин аст коре ки ин се
паҳлавон карданд.
18 Ва Абишой, бародари Юоб ибни Саруё, сардори се нафар буд, ва
ӯ боре найзаи худро бар сесад кас бардошта, ҳамаашонро кушта буд;
ва ӯ дар миёни се нафар номдор буд+.
19 Аз ин се нафар ӯ мукаррамтарин буда, сардори онҳо гардида
буд, вале ба дараҷаи он се нафар нарасида буд.
20 Ва Баноё ибни Еҳӯёдоъ, писари марди далери қабсаилӣ, ки
корнамоиҳои зиёде кардааст; ӯ ду паҳлавони мӯобиро кушта буд, ва
ӯ фурӯд омада, шерро андаруни чоҳ дар рӯзи барф кушта буд+.

21 Ва ӯ марди мисриеро, ки намуди бадҳайбате дошт, кушта буд,
дар сурате ки дар дасти он мисрӣ найза буд, ва ӯ бо таёқе назди вай
фурӯд омада, найзаро аз дасти мисрӣ рабуд ва варо бо найзаи худаш
кушт+.
22 Чунин аст корҳое ки Баноё ибни Еҳӯёдоъ карда буд, ва ӯ дар
миёни он се паҳлавон номдор буд.
23 Аз сӣ нафар ӯ мукаррамтарин буд, вале ба дараҷаи он се нафар
нарасида буд; ва Довуд ӯро бар гурӯҳи посбонони шахсии худ таъин
намуд.
24 Асоил бародари Юоб дар миёни он сӣ нафар буд; Элҳонон ибни
Дӯдӯ аз Байт-Лаҳм;+
25 Шаммои ҳарӯдӣ; Элиқои ҳарӯдӣ;
26 Ҳоласи фалтӣ; Иро ибни Иққеши тақӯогӣ;
27 Абиэзери антӯтӣ; Мабунони ҳушотӣ;
28 Салмӯни аҳӯҳӣ; Маҳарӯи натуфотӣ;
29 Ҳилаб ибни Баанои натуфотӣ; Иттой ибни Рибой, аз Ҷибъои
банӣ-Биньёмин;
30 Баноёҳуи фиръотӯнӣ; Ҳиддой, аз мулки Ҷоаш;
31 Абӣ-Албӯни арботӣ; Азмовити барҳумӣ;
32 Эльяҳбои шаалбӯнӣ; аз банӣ-Ешин Йӯнотон;
33 Шаммои ҳарорӣ; Аҳиом ибни Шорори арорӣ;
34 Элифолат ибни Аҳасбой ибни Маакотӣ; Элиом ибни Аҳитӯфали
ҷилӯнӣ;+
35 Ҳасрои кармилӣ; Фаарои арбӣ;
36 Йиҷъол ибни Нотон аз Сӯбо; Бонии ҷодӣ;
37 Солақи аммӯнӣ; Наҳарои беэрӯтӣ, ки силоҳбардори Юоб ибни
Саруё буд;
38 Ирои йитрӣ; Ҷориби йитрӣ;
39 Уриёи ҳиттӣ; ҷамъ сию ҳафт нафар буданд+.

## Ғазаби Худованд барои саршумории қавм.

24 [1] •Ва ғазаби Худованд боз бар исроилиён аланга зад, ва
Довудро бар онҳо барангехт, то бигӯяд: «Бирав, Исроил ва
Яҳудоро саршуморӣ намо»+.
[2] Ва подшоҳ ба сарлашкари худ Юоб, ки назди ӯ буд, гуфт: «Дар
тамоми сибтҳои Исроил, аз Дон то Беэр-Шобаъ гардиш карда, қавмро
саршуморӣ намо, то ки шумораи қавмро бидонам»+.
[3] Ва Юоб ба подшоҳ гуфт: «Бигзор Худованд Худои ту шумораи
қавмро аз он қадар, ки ҳаст, сад баробар зиёд кунад, ва чашмони
оғоям подшоҳ инро бубинад! Пас, чаро оғоям подшоҳ ин корро хоҳон
аст?»+
[4] Вале сухани подшоҳ бар Юоб ва сардорони сипоҳ ғолиб омад; ва
Юоб бо сардорони сипоҳ аз пеши подшоҳ берун рафтанд, то ки қавми
Исроилро саршуморӣ кунанд.
[5] Ва аз Урдун гузашта, дар Арӯэр ӯрду заданд, ва аз тарафи рости
шаҳр андаруни водии Ҷод рӯ оварда, ба Яъзир омаданд+.
[6] Ва ба Ҷилъод ва ба замини Таҳтим-Ҳодшӣ расиданд; ва ба Дон-
Яан омаданд, ва давр зада, ба самти Сидӯн рафтанд.
[7] Ва ба қалъаи рӯ ба рӯи Сӯр ва ба ҳамаи шаҳрҳои ҳиввиён ва
канъониён омаданд, ва ба ҷануби Яҳудо баромада, то Беэр-Шобаъ
расиданд+.
[8] Ва тамоми заминро тай намуда, баъд аз гузаштани нӯҳ моҳу
бист рӯз ба Ерусалим омаданд.
[9] Ва Юоб рӯйхати саршумории қавмро ба подшоҳ пешниҳод кард;
аз Исроил ҳаштсад ҳазор нафар ҷанговарони шамшерзан, ва аз Яҳудо
панҷсад ҳазор нафар буданд+.

## Худованд бар қавм вабо мефиристад.

[10] •Ва Довуд, баъд аз он ки қавмро саршуморӣ намуд, пушаймон
шуд; ва Довуд ба Худованд гуфт: «Бо ин коре ки кардам, ман бағоят
гуноҳкор шудам; ва алҳол, эй Худованд, аз гуноҳи бандаи Худ
гузаройӣ намо, зеро ки бағоят беақлона рафтор кардам»+.
[11] Ва Довуд бомдодон бархост; ва каломи Худованд бар Ҷоди набӣ,
ки пешбини Довуд буд, нозил шуда, гуфт:+

[12] «Рафта, ба Довуд бигӯй: „Худованд чунин мегӯяд: Ман се чизро
ба ту таклиф мекунам; яке аз онҳоро барои худ интихоб намо, то ки
бар ту ба амал оварам“».
[13] Ва Ҷод назди Довуд омад ва ба ӯ хабар дода, гуфт: «Оё ҳафт сол
қаҳтӣ бар замини ту биёяд, ё се моҳ аз пеши душманонат бигрезӣ, ва
онҳо туро таъқиб намоянд, ё ки се рӯз дар замини ту вабо рӯй диҳад?
Алҳол мулоҳиза карда, қарор намо, ки ман ба Фиристандаи худ чӣ
ҷавобе бирасонам».
[14] Ва Довуд ба Ҷод гуфт: «Ман дар ғояти тангӣ ҳастам; беҳтар аст,
ки ба дасти Худованд биафтам, зеро ки марҳамати Ӯ бузург аст; вале
ба дасти одамизод наафтам»+.
[15] Ва Худованд бар Исроил аз он субҳ то вақти муайяншуда вабо
фиристод, ва аз қавм, аз Дон то Беэр-Шобаъ, ҳафтод ҳазор нафар
мурданд+.
[16] Ва фаришта дасти худро бар Ерусалим дароз кард, то ки онро ба
ҳалокат бирасонад, валекин Худованд аз ин офат пушаймон шуд, ва
ба фариштае ки қавмро нобуд мекард, гуфт: «Басанда аст, акнун
дасти худро боздор!» Ва фариштаи Худованд назди хирмангоҳи
Аравнои ябусӣ буд+.
[17] Ва ҳангоме ки Довуд фариштаи нобудкунандаи қавмро дид, ба
Худо сухан ронда, гуфт: «Инак, ман гуноҳ кардаам ва ман каҷкорӣ
намудаам, вале ин гӯсфандон чӣ кардаанд? Бигзор дасти Ту бар ман
ва бар хонадони падарам бошад».

## Довуд хирмангоҳи Аравноро мехарад.

[18] •Ва Ҷод дар он рӯз назди Довуд омада, гуфт: «Баромада, дар
хирмангоҳи Аравнои ябусӣ қурбонгоҳе барои Худованд барпо намо».
[19] Ва Довуд бар тибқи сухани Ҷод, чунон ки Худованд амр фармуда
буд, баромад.
[20] Ва Аравно назар андохта, подшоҳ ва навкаронашро дид, ки дар
наздикии ӯ гузар мекунанд; ва Аравно берун омад, ва рӯ ба замин
афтода, ба подшоҳ саҷда бурд.
[21] Ва Аравно гуфт: «Барои чӣ оғоям подшоҳ назди бандаи худ
омадааст?» Ва Довуд гуфт: «Барои он ки хирмангоҳро аз ту харида,

қурбонгоҳе барои Худованд барпо намоям, то ки вабо аз қавм дур шавад»+.
[22] Ва Аравно ба Довуд гуфт: «Бигзор оғоям подшоҳ он чиро, ки дар назараш писандояд, гирифта, қурбонӣ кунад: инак, говҳо барои қурбонии сӯхтанӣ, ва ғаллакӯбакҳо ва асбоби говҳо барои ҳезум+.
[23] Ҳамаи инро, эй подшоҳ, Аравно ба подшоҳ медиҳад». Ва Аравно ба подшоҳ гуфт: «Бигзор Худованд бар ту таваҷҷӯҳ намояд!»
[24] Ва подшоҳ ба Аравно гуфт: «Не, балки аз ту ба қиммати пурраи он хоҳам харид, ва барои Худованд Худои худ чизи муфтро қурбонӣ нахоҳам кард». Ва Довуд хирмангоҳ ва говҳоро ба панҷоҳ сиқл нуқра харид.
[25] Ва дар он ҷо Довуд қурбонгоҳе барои Худованд бино карда, курбонии сӯхтанӣ ва қурбонии саломатӣ овард. Ва Худованд ба мамлакат марҳамат намуд, ва вабо аз Исроил дур шуд+.

---

* 2:16 Қитъаи Шамшерҳои Тез.

* 12:25 Маҳбуби Худованд.

* 12:30 **Киккар** — воҳиди андозаи пул, ё вазни он, ки ба 3000 сиқл (ё ба як талант) баробар буд.

---

+ 1:1 1 Подш. 31:4, 1 Подш. 30:17-20

+ 1:6 1 Подш. 31:1-4, 1 Вақ. 10:1-6

+ 1:9 Дов. 9:54

+ 1:11 2 Подш. 13:31

+ 1:14 1 Подш. 24:7

+ 1:20 Мик. 1:10, Еҳ. 13:3, 1 Подш. 31:9

+ 1:21 1 Подш. 31:1

+ 1:26 1 Подш. 18:1, 1 Подш. 20:17

+ 2:1 Еҳ. 14:13-15

+ 2:2 1 Подш. 25:43

+ 2:3 1 Подш. 27:2-3

+ 2:4 1 Подш. 16:13, 1 Подш. 31:11-13

+ 2:8 1 Подш. 14:50-51, Еҳ. 13:26

+ 2:11 2 Подш. 5:5, 3 Подш. 2:11, 1 Вақ. 3:4

+ 2:13 Ирм. 41:12

+ 2:18 1 Подш. 26:6, 2 Подш. 3:30, 2 Подш. 3:39, 2 Подш. 16:9-10, 2 Подш. 19:22, 2 Подш. 23:18, 1 Вақ. 2:16

● 3:1 *1 Вақ. 3:1-4*

+ 3:2 1 Подш. 25:43

+ 3:3 2 Подш. 13:37

+ 3:4 3 Подш. 1:5

+ 3:7 2 Подш. 21:8, 2 Подш. 21:10

+ 3:9 1 Подш. 15:28, 1 Подш. 16:13, 1 Подш. 28:17

+ 3:10 Дов. 20:1

+ 3:13 1 Подш. 14:49

+ 3:14 1 Подш. 18:25

+ 3:15 1 Подш. 25:44

+ 3:27 2 Подш. 20:10, 2 Подш. 2:23

+ 3:29 Иб. 14:2, Иб. 15:2

+ 3:30 1 Подш. 26:6, 2 Подш. 2:18, 2 Подш. 2:23

+ 3:39 Ирм. 38:5, 2 Подш. 2:18, 2 Подш. 16:9-10, 2 Подш. 19:22

+ 4:2 Ех. 18:25

+ 4:3 Нах. 11:33

+ 4:4 2 Подш. 9:3, 2 Подш. 9:6

+ 4:9 3 Подш. 1:29

+ 4:10 2 Подш. 1:1-16

● 5:1 *1 Вақ. 11:1-3*

+ 5:2 1 Подш. 18:13, Заб. 77:71

+ 5:4 3 Подш. 2:11, 1 Вак. 29:27

+ 5:5 2 Подш. 2:11

● 5:6 *1 Вак. 11:4-9*

+ 5:6 Ех. 15:63, Дов. 1:8, Дов. 1:21

+ 5:9 3 Подш. 9:15, 3 Подш. 9:24, 3 Подш. 11:27, 2 Вак. 32:5

+ 5:10 Эст. 9:4

● 5:11 *1 Вак. 14:1-7*

+ 5:11 3 Подш. 5:1

+ 5:14 1 Вак. 3:5-8

● 5:17 *1 Вак. 14:8-17*

+ 5:18 Иш. 17:5, 2 Подш. 23:13

+ 5:20 Иш. 28:21

+ 5:24 4 Подш. 7:6

● 6:1 *1 Вак. 13:6-14, 1 Вак. 15:25-29, 1 Вак. 16:1-3*

+ 6:2 Ех. 15:9, Ех. 15:60, Хур. 25:22

+ 6:3 1 Подш. 7:1

+ 6:6 Ад. 4:15

+ 6:11 1 Вак. 26:4-5

+ 6:14 Заб. 150:4

+ 6:16 1 Подш. 14:49, 1 Подш. 18:20-28, 1 Подш. 19:11-17

+ 6:17 1 Вак. 15:1

+ 6:18 3 Подш. 8:14

+ 6:21 1 Подш. 15:28

● 7:1 *1 Вак. 17:1-15*

+ 7:2 2 Подш. 12:1, 3 Подш. 1:8, 1 Вак. 29:29, 2 Вак. 9:29, 2 Вак. 29:25, Заб. 50:2

+ 7:8 1 Подш. 16:11-13, Заб. 77:70

+ 7:9 1 Подш. 18:14

+ 7:10 Дов. 2:14-16, 1 Подш. 12:11

+ 7:12 3 Подш. 2:10

+ 7:13 3 Подш. 8:19

+ 7:14 Заб. 88:27-28, 2 Қӯр. 6:18, Ибр. 1:5, Заб. 88:31-33

+ 7:16 Заб. 88:5, Заб. 88:30, Заб. 88:36-37, Заб. 131:12, Юҳ. 7:42

● 7:18 *1 Вақ. 17:16-27*

+ 7:22 Хур. 15:11

+ 7:23 Так. Шар. 4:7, Так. Шар. 26:19, Так. Шар. 33:29

● 8:1 *1 Вақ. 18:1-13*

+ 8:3 1 Подш. 14:47, 3 Подш. 11:24

+ 8:4 Еҳ. 11:6

+ 8:7 4 Подш. 11:10, 2 Вақ. 23:9

+ 8:11 3 Подш. 7:51

+ 8:13 4 Подш. 14:7

+ 8:14 Ҳас. 25:23, Ҳас. 27:40, Ад. 24:18

● 8:15 *2 Подш. 20:23-26, 1 Вақ. 18:14-17*

+ 8:15 3 Подш. 10:9

+ 8:16 2 Подш. 2:13, 1 Вақ. 11:6, 3 Подш. 4:3

+ 8:17 2 Подш. 15:24, 2 Подш. 20:25, 1 Вақ. 24:3

+ 8:18 2 Подш. 23:20, 3 Подш. 2:35, 3 Подш. 4:4

+ 9:1 1 Подш. 18:3, 1 Подш. 20:15

+ 9:2 2 Подш. 16:1-4, 2 Подш. 19:17

+ 9:3 2 Подш. 4:4

+ 9:4 2 Подш. 17:27

+ 9:6 2 Подш. 16:4, 2 Подш. 19:24, 1 Вақ. 8:34, 1 Вақ. 9:40

+ 9:10 2 Подш. 19:17

+ 9:12 1 Вақ. 8:34

● 10:1 *1 Вақ. 19*

+ 10:1 1 Подш. 11:1

+ 10:6 Дов. 18:28, 2 Подш. 8:3, Дов. 11:3

+ 10:10 1 Вақ. 18:12

+ 10:12 1 Подш. 3:18

+ 10:16 3 Подш. 11:23

+ 11:1 3 Подш. 20:22, 2 Вак. 36:10, 1 Вақ. 20:1, Так. Шар. 3:11

+ 11:3 2 Подш. 23:34, 2 Подш. 23:39, 1 Вақ. 3:5

+ 11:4 Иб. 15:19

+ 11:14 3 Подш. 21:8

+ 11:21 Дов. 9:53

+ 12:1 2 Подш. 7:2, Заб. 50:2

+ 12:6 Хур. 22:1

+ 12:7 1 Подш. 16:13

+ 12:9 Ад. 15:31

+ 12:11 2 Подш. 16:21-22

+ 12:13 Ех. 7:20, 2 Подш. 24:10, Заб. 31:5, Заб. 50:6

+ 12:16 2 Подш. 13:31

+ 12:22 Юн. 3:9

+ 12:24 1 Вақ. 22:9

● 12:26 *1 Вақ. 20:1-3*

+ 12:26 Так. Шар. 3:11

+ 13:3 1 Подш. 16:9, 1 Вақ. 2:13, 2 Подш. 13:3

+ 13:12 Ҳас. 34:7, Иб. 18:9

+ 13:31 2 Подш. 1:11, 2 Подш. 12:16

+ 13:32 2 Подш. 13:3

+ 13:37 2 Подш. 3:3, 1 Вақ. 3:2

+ 14:2 1 Вақ. 2:24, 2 Вак. 11:6, 2 Вак. 20:20, Наҳ. 3:5, Ирм. 6:1, Ом. 1:1

+ 14:4 4 Подш. 6:26

+ 14:9 1 Подш. 25:24

+ 14:11 Ад. 35:19, Так. Шар. 19:12, 1 Подш. 14:45, 3 Подш. 1:52, Луқ. 21:18, Аъм. 27:34

+ 14:14 1 Подш. 7:6, 2 Подш. 23:16

+ 14:17 1 Подш. 29:9, 2 Подш. 19:27

+ 14:20 1 Подш. 29:9, 2 Подш. 19:27

+ 14:23 2 Подш. 13:38

+ 14:27 2 Подш. 13:1

+ 14:32 1 Подш. 20:8

+ 15:1 3 Подш. 1:5

+ 15:2 Рут 4:1, 2 Подш. 18:4, 2 Подш. 19:8

+ 15:4 Дов. 9:29

+ 15:8 Ҳас. 28:20

+ 15:12 Еҳ. 15:51, 1 Вақ. 27:33, Заб. 3:2

+ 15:13 2 Подш. 12:11

+ 15:14 Заб. 3:1

+ 15:16 2 Подш. 16:21-22, 2 Подш. 20:3

+ 15:18 1 Подш. 30:14, 2 Подш. 8:18

+ 15:21 Рут 1:17

+ 15:23 3 Подш. 15:13, 4 Подш. 23:4

+ 15:24 2 Подш. 8:17, 1 Подш. 22:20, 2 Подш. 8:17, 2 Подш. 20:25

+ 15:26 1 Подш. 3:18

+ 15:27 3 Подш. 1:42

+ 15:30 Зак. 14:4, Марқ. 1:11, Аъм. 1:12, Эст. 6:7

+ 15:31 2 Подш. 16:23, 2 Подш. 17:14

+ 15:32 Ех. 16:2

+ 15:33 2 Подш. 19:35

+ 15:34 2 Подш. 17:5-14

+ 15:36 2 Подш. 17:17

+ 15:37 1 Вақ. 27:33

+ 16:1 2 Подш. 9:2-13

+ 16:2 2 Подш. 17:29

+ 16:3 2 Подш. 9, 2 Подш. 19:27

+ 16:9 2 Подш. 2:18

+ 16:10 2 Подш. 3:39, 2 Подш. 19:22

+ 16:16 2 Подш. 15:34, 1 Подш. 10:24

+ 16:21 2 Подш. 15:16, 2 Подш. 20:3

+ 16:22 2 Подш. 12:11-12

+ 17:5 2 Подш. 15:32

+ 17:8 Мас. 17:12, Ҳуш. 13:8

+ 17:11 Дов. 20:1

+ 17:14 2 Подш. 15:31, 2 Подш. 15:34

+ 17:17 2 Подш. 15:36, Еҳ. 15:7, Еҳ. 18:16

+ 17:19 Еҳ. 2:1-6

+ 17:23 2 Подш. 15:12, Мат. 27:5

+ 17:24 Еҳ. 13:26

+ 17:25 2 Подш. 19:13, 2 Подш. 20:9-10, 1 Вақ. 2:17

+ 17:27 2 Подш. 12:26, 2 Подш. 12:29, 2 Подш. 9:4, 2 Подш. 19:31-32, 3 Подш. 2:7, Эзр. 2:61, Наҳ. 7:63

+ 17:29 2 Подш. 16:2

+ 18:2 2 Подш. 15:19-22

+ 18:8 Еҳ. 10:11

+ 18:17 Еҳ. 7:26, Еҳ. 8:29

+ 18:18 Ҳас. 14:17, 2 Подш. 14:27

+ 18:27 3 Подш. 1:42

+ 18:32 1 Подш. 25:26, Дон. 4:16

+ 19:8 Рут 4:1, 2 Подш. 15:2, 2 Подш. 18:4

+ 19:9 2 Подш. 5:20

+ 19:11 2 Подш. 15:29

+ 19:13 2 Подш. 17:25, 2 Подш. 8:16, Рут 1:17

+ 19:15 Ех. 4:19

+ 19:16 2 Подш. 16:5

+ 19:17 2 Подш. 9:2-13, 2 Подш. 16:1-4

+ 19:19 2 Подш. 16:5-13

+ 19:21 Хур. 22:28, 2 Подш. 16:9

+ 19:22 2 Подш. 3:39, 2 Подш. 16:10

+ 19:23 3 Подш. 2:8, 3 Подш. 2:36-46

+ 19:24 2 Подш. 9

+ 19:27 2 Подш. 16:3, 1 Подш. 29:9, 2 Подш. 14:17, 2 Подш. 14:20

+ 19:28 2 Подш. 9:7

+ 19:32 2 Подш. 17:27-29

+ 19:35 2 Подш. 15:33

+ 19:37 3 Подш. 2:7

+ 19:43 Иш. 11:13

+ 20:1 Так. Шар. 13:13, 3 Подш. 12:16, 2 Вак. 10:16

+ 20:3 2 Подш. 15:16, 2 Подш. 16:21-22

+ 20:4 2 Подш. 17:25, 2 Подш. 19:13

+ 20:7 1 Подш. 30:14, 2 Подш. 8:18

+ 20:10 2 Подш. 3:27

+ 20:14 4 Подш. 15:29

● 20:23 *2 Подш. 8:15-18, 1 Вақ. 18:14-17*

+ 20:23 1 Подш. 30:14

+ 20:24 3 Подш. 4:6, 3 Подш. 5:14, 3 Подш. 12:18

+ 20:25 2 Подш. 15:24, 2 Подш. 19:11

+ 21:2 Еҳ. 9:15

+ 21:6 1 Подш. 10:26

+ 21:7 1 Подш. 20:15

+ 21:8 2 Подш. 3:7, 1 Подш. 18:19

+ 21:9 Рут 1:22

+ 21:12 1 Подш. 31

+ 21:14 Еҳ. 18:28

+ 21:16 Так. Шар. 2:11, Так. Шар. 2:20-21

+ 21:17 3 Подш. 11:36, 3 Подш. 15:4, 4 Подш. 8:19, 2 Вақ. 21:7, Заб. 131:17

+ 21:18 1 Вақ. 20:4-8, Так. Шар. 2:11

+ 21:19 1 Подш. 17:7

+ 21:21 1 Подш. 16:9, 2 Подш. 13:3, 1 Вақ. 2:13

+ 21:22 Еҳ. 11:22

● 22:1 *Заб. 17*

+ 22:3 Заб. 30:3-4, Заб. 70:3, Заб. 90:2, Заб. 143:2, Ҳас. 15:1

+ 22:4 1 Вақ. 16:25, Заб. 47:2, Заб. 95:4, Заб. 144:3

+ 22:5 Заб. 41:7, Заб. 92:4, Юн. 2:4

+ 22:6 Заб. 114:3-4

+ 22:7 Заб. 119:1, Юн. 2:8

+ 22:8 Дов. 5:5, Заб. 76:18, Заб. 96:4

+ 22:9 Заб. 20:9, Иш. 30:33, Ҳиз. 20:48

+ 22:10 Заб. 143:5, Иш. 64:1, Наҳум 1:3

+ 22:11 Заб. 103:3

+ 22:12 Хур. 20:21, Заб. 96:2

+ 22:14 1 Подш. 2:10, Айюб 37:4, Заб. 67:34

+ 22:15 Ҳаб. 3:11, Зак. 9:14, 1 Подш. 7:10

+ 22:16 Хур. 15:8, Заб. 105:9

+ 22:17 Заб. 143:7

+ 22:18 Заб. 141:6

+ 22:20 Заб. 30:8, Заб. 117:5

+ 22:21 1 Подш. 26:23, Айюб 22:30

+ 22:24 Ҳас. 6:9, Айюб 1:1

+ 22:28 Заб. 100:5

+ 22:29 Айюб 29:3, Заб. 118:105

+ 22:31 Так. Шар. 32:4, Мат. 5:48, Заб. 11:7, Мас. 30:5, Ҳас. 15:1

+ 22:32 4 Подш. 5:15, Иш. 45:5, Дон. 2:47

+ 22:34 Так. Шар. 32:13, Иш. 58:14, Ҳаб. 3:19

+ 22:35 Заб. 143:1

+ 22:40 Заб. 43:6

+ 22:41 Хур. 23:27

+ 22:42 1 Подш. 28:6, Айюб 27:9, Мас. 15:29

+ 22:43 Мик. 7:10, Зак. 10:5

+ 22:44 Иш. 55:5

+ 22:45 Так. Шар. 33:29

+ 22:46 Мик. 7:17

+ 22:48 Заб. 46:3

+ 22:49 Заб. 139:2

+ 22:50 Рум. 15:9

+ 22:51 Заб. 143:10, 2 Подш. 7:16

+ 23:2 Аъм. 2:30, 2 Пет. 1:21

+ 23:3 Так. Шар. 32:4, 2 Подш. 22:3, 2 Вак. 19:7, 2 Вак. 19:9, Мас. 16:12

+ 23:5 2 Подш. 7:15-16, Заб. 88:30

● 23:8 *1 Вақ. 11:11-41, 1 Вақ. 27:1-15*

+ 23:13 1 Подш. 22:1, 2 Подш. 5:18

+ 23:16 1 Подш. 7:6

+ 23:18 2 Подш. 2:18

+ 23:20 Еҳ. 15:21, 2 Подш. 8:18

+ 23:21 1 Подш. 17:50

+ 23:24 2 Подш. 2:18-23

+ 23:34 2 Подш. 15:12, 2 Подш. 11:3

+ 23:39 2 Подш. 11:3-17

● 24:1 *1 Вақ. 21:1-6*

+ 24:1 Ад. 1:2-4

+ 24:2 Дов. 20:1

+ 24:3 Так. Шар. 1:11

+ 24:5 Так. Шар. 2:36, Ад. 21:32

+ 24:7 Еҳ. 11:3

+ 24:9 Дов. 20:17, 1 Подш. 11:8

● 24:10 *1 Вақ. 21:7-17*

+ 24:10 1 Подш. 24:6, 2 Подш. 12:13, 1 Подш. 13:13

+ 24:11 1 Подш. 22:5

+ 24:14 Заб. 118:156

+ 24:15 Хур. 30:12, Дов. 20:1

+ 24:16 4 Подш. 19:35, 2 Вақ. 32:21, Иш. 37:36, Аъм. 12:23, Юн. 3:10

● 24:18 *1 Вақ. 21:18-27*

+ 24:21 Ад. 16:47-48

+ 24:22 3 Подш. 19:21

+ 24:25 2 Вақ. 3:1, Ад. 16:48, Ад. 25:8

*КИТОБИ*

# СЕЮМИ ПОДШОҲОН


1 2 3 4 5 6 7 8 9 10

11 12 13 14 15 16 17 18 19 20

21 22

## Довуд бемаҷол мегардад.

1 [1] Ва чун подшоҳ Довуд пир ва солхӯрда шуд, ҳарчанд болои ӯро
бо либосҳо мепӯшониданд, ӯ гарм намешуд.
[2] Ва навкаронаш ба ӯ гуфтанд: «Бигзор барои оғои мо подшоҳ
духтари бокирае ҷустуҷӯ намоянд, то ки вай ба ҳузури подшоҳ
биистад, ва ба ӯ нигоҳубин кунад; ва бигзор вай дар оғӯши ту
бихобад, то ки оғои мо подшоҳ гарм шавад»+.
[3] Ва дар тамоми ҳудуди Исроил духтари соҳибҷамоле ҷустуҷӯ
намуданд, ва Абишаги шунаммиро ёфтанд, ва ӯро назди подшоҳ
оварданд+.
[4] Ва он духтар ниҳоятдараҷа соҳибҷамол буд, ва ӯ ба подшоҳ
нигоҳубин мекард ва хизмати ӯро ба ҷо меовард, вале подшоҳ бо ӯ
хуфту хоб накардааст.

## Адӯниё қасди ба даст овардани подшоҳӣ дорад.

[5] Валекин Адӯниё ибни Ҳаҷҷит ҳавобаландӣ намуда, гуфт: «Ман
подшоҳӣ хоҳам кард». Ва барои худ аробаҳо ва саворонро муҳайё
намуд, ва панҷоҳ шотир пешопеши ӯ медавиданд+.
[6] Ва падараш ӯро ҳаргиз мазаммат намуда нагуфта буд: «Чаро
чунин амал кардӣ?» Ва ӯ низ бағоят хушлиқо буд, ва модараш ӯро
баъд аз Абшолӯм зоида буд+.
[7] Ва ӯ бо Юоб ибни Саруё ва бо Абьётори коҳин ҳамзабон гардида
буд, ва онҳо ба Адӯниё мадад мерасониданд+.
[8] Вале Содӯқи коҳин ва Баноё ибни Еҳӯёдоъ ва Нотони набӣ ва
Шимъӣ ва Реӣ ва паҳлавононе ки назди Довуд буданд, Адӯниёро
тарафдорӣ намекарданд+.
[9] Ва Адӯниё гӯсфандон ва говон ва парвориёнро назди санги
Зӯҳелет, ки пеши Эйн-Рӯҷел аст, забҳ намуд, ва ҳамаи бародаронаш,
писарони подшоҳ, ва ҳамаи мардони Яҳудо, навкарони подшоҳро
даъват намуд+.

## Муқобилияти Нотон ва Батшобаъ.

[10] Валекин Нотони набӣ ва Баноё ва паҳлавонон ва бародараш
Сулаймонро даъват накард+.

[11] Ва Нотон ба Батшобаъ, модари Сулаймон, сухан ронда, гуфт: «Оё
нашнидаӣ, ки Адӯниё ибни Ҳаҷҷит подшоҳ шудааст, ва оғои мо
Довуд инро намедонад?
[12] Ва алҳол биё, ба ту машварат диҳам, то ки ҷони худат ва ҷони
писарат Сулаймонро бираҳонӣ;
[13] Рафта, назди подшоҳ Довуд даро ва ба ӯ бигӯ: „Эй оғоям подшоҳ,
ту, охир, ба канизи худ қасам хӯрда гуфта будӣ, ки писарат Сулаймон
баъд аз ман подшоҳ хоҳад шуд, ва ӯ бар тахти ман хоҳад нишаст. Пас,
чаро Адӯниё подшоҳ шудааст?“+
[14] Инак, вақте ки ту ҳанӯз бо подшоҳ сухан ронӣ, ман ҳам аз паи ту
даромада, бар суханонат илова хоҳам намуд».
[15] Ва Батшобаъ назди подшоҳ ба ҳуҷраи хоб даромад; ва подшоҳ
бағоят пир буд, ва Абишаги шунаммӣ хизмати подшоҳро ба ҷо
меовард.
[16] Ва Батшобаъ хам шуда, ба подшоҳ саҷда бурд. Ва подшоҳ гуфт:
«Туро чӣ лозим аст?»
[17] Вай ба ӯ гуфт: «Эй оғоям, ту ба канизи худ ба Худованд Худои
худ қасам хӯрда будӣ, ки „писарат Сулаймон баъд аз ман подшоҳ
хоҳад шуд, ва ӯ бар тахти ман хоҳад нишаст“.
[18] Ва алҳол, инак, Адӯниё подшоҳ шудааст, ва ту, эй оғоям подшоҳ,
инро намедонӣ.
[19] Ва ӯ говон ва парвориён ва гӯсфандони зиёде забҳ карда, ҳамаи
писарони подшоҳ, ва Абьётори коҳин ва Юоби сарлашкарро даъват
намудааст, вале бандаат Сулаймонро даъват нанамудааст.
[20] Ва алҳол, эй оғоям подшоҳ, чашмони тамоми Исроил сӯи туст,
то ба онҳо маълум намоӣ, ки баъд аз оғоям подшоҳ кист, ки бар
тахти ту хоҳад нишаст.
[21] Вагар на, чунин воқеъ хоҳад шуд, ки чун оғоям подшоҳ бо
падарони худ бихобад, ман ва писарам Сулаймон айбдор ҳисоб
хоҳем ёфт».
[22] Ва инак, ҳанӯз вай бо подшоҳ сухан меронд, Нотони набӣ ҳам
омад.
[23] Ва ба подшоҳ хабар дода, гуфтанд: «Инак Нотони набӣ». Ва ӯ
назди подшоҳ даромад, ва рӯ бар замин хам шуда, ба подшоҳ саҷда
бурд.

24 Ва Нотон гуфт: «Эй оғоям подшоҳ, оё ту гуфтаӣ, ки „Адӯниё баъд
аз ман подшоҳ хоҳад шуд, ва ӯ бар тахти ман хоҳад нишаст“?
25 Зеро ки вай имрӯз фурӯд омада, говон ва парвориён ва
гусфандони зиёдеро забҳ кардааст, ва ҳамаи писарони подшоҳ ва
сардорони лашкар ва Абьётори коҳинро даъват намудааст, ва инак,
онҳо ба ҳузури вай мехӯранд ва менӯшанд, ва мегӯянд: „Зинда бод
подшоҳ Адӯниё!“+
26 Валекин мани бандаат ва Содӯқи коҳин ва Баноё ибни Еҳӯёдоъ
ва бандаат Сулаймонро даъват нанамудааст.
27 Агар ин кор аз ҷониби оғоям подшоҳ содир шуда бошад, пас
чаро ба бандаи худ маълум накардӣ, ки баъд аз оғоям подшоҳ кист,
ки бар тахти ӯ биншинад?»
28 Ва подшоҳ Довуд ҷавоб гардонида, гуфт: «Батшобаъро назди ман
бихонед». Вай назди подшоҳ даромад, ва ба ҳузури подшоҳ истод.
29 Ва подшоҳ қасам хӯрда, гуфт: «Қасам ба ҳаёти Худованде ки
ҷони маро аз ҳар тангӣ раҳо кардааст!+
30 Чунон ки ман барои ту ба Худованд Худои Исроил қасам хӯрда
гуфтаам, ки писарат Сулаймон баъд аз ман подшоҳ хоҳад шуд, ва ӯ
бар тахти ман ба ҷои ман хоҳад нишаст, ончунон ман имрӯз ба амал
хоҳам овард».
31 Ва Батшобаъ рӯ бар замин хам шуда, ба подшоҳ саҷда бурд, ва
гуфт: «Оғоям подшоҳ Довуд то абад зинда бод!»+
32 Ва подшоҳ Довуд гуфт: «Содӯқи коҳин ва Нотони набӣ ва Баноё
ибни Еҳӯёдоъро назди ман бихонед». Ва онҳо ба ҳузури подшоҳ
даромаданд.
33 Ва подшоҳ ба онҳо гуфт: «Бандагони оғои худро ҳамроҳи худ
бигиред, ва писарам Сулаймонро бар хачири ман савор кунед, ва ӯро
назди Ҷайҳун фурӯд оваред+.
34 Ва бигзор Содӯқи коҳин ва Нотони набӣ ӯро дар он ҷо ба
подшоҳӣ бар Исроил тадҳин намоянд; ва шох навозед, ва бигӯед:
„Зинда бод подшоҳ Сулаймон!“+
35 Ва аз ақиби ӯ бароед, то ки ӯ омада, бар тахти ман биншинад; ва
ӯ ба ҷои ман подшоҳ хоҳад шуд; ва ман ӯро амр мефармоям, ки бар
Исроил ва бар Яҳудо раис бошад».
36 Ва Баноё ибни Еҳӯёдоъ ба подшоҳ ҷавоб гардонида, гуфт:
«Омин! Бигзор Худованд Худои оғоям подшоҳ низ чунин гӯяд!

37 Чунон ки Худованд бо оғоям подшоҳ буд, бигзорончунон бо
Сулаймон низ бошад, ва тахти ӯро аз тахти оғоям подшоҳ Довуд
бузургтар гардонад!»
38 Ва Содӯқи коҳин ва Нотони набӣ ва Баноё ибни Еҳӯёдоъ ва
каритиён ва фалитиён фурӯд омада, Сулаймонро бар хачири подшоҳ
Довуд савор карданд, ва ӯро назди Ҷайҳун бурданд+.

## Сулаймон ба подшоҳӣ тадҳин карда шуд.

39 Ва Содӯқи коҳин шохи равғанро аз хайма гирифта, Сулаймонро
тадҳин намуд. Ва шох навохтанд, ва тамоми қавм гуфтанд: «Зинда
бод подшоҳ Сулаймон!»
40 Ва тамоми қавм аз ақиби ӯ баромаданд, ва қавм най
менавохтанд, ва бағоят шодӣ мекарданд, ба тавре ки замин аз
овозашон мекафид.

## Адӯниё ба подшоҳ итоат менамояд.

41 Ва Адӯниё ва ҳамаи даъватшудагоне ки бо ӯ буданд, ҳамин ки аз
хӯрдан фориғ шуданд, инро шуниданд; ва Юоб садои шохро шунида,
гуфт: «Садои шаҳри пуризтироб аз чӣ сабаб аст?»
42 Ҳанӯз ӯ сухан меронд, инак, Йӯнотон ибни Абьётори коҳин
омад; ва Адӯниё гуфт: «Биё, ки ту марди амин ҳастӣ ва муждаи нек
меоварӣ»+.
43 Ва Йӯнотон ба Адӯниё ҷавоб гардонида, гуфт: «Ба ҳеҷ ваҷҳ, зеро
оғои мо, подшоҳ Довуд, Сулаймонро подшоҳ гардонидааст;
44 Ва подшоҳ Содӯқи коҳин ва Нотони набӣ ва Баноё ибни Еҳӯёдоъ
ва каритиён ва фалитиёнро бо ӯ фиристодааст; ва ӯро ба хачири
подшоҳ савор кардаанд;+
45 Ва Содӯқи коҳин ва Нотони набӣ ӯро дар Ҷайҳун ба подшоҳӣ
тадҳин намудаанд, ва аз он ҷо шодикунон баромадаанд, ва шаҳр
ғулғула бардоштааст; ҳамин аст садое ки шумо шунидаед;
46 Ва Сулаймон низ бар тахти подшоҳӣ нишастааст;+
47 Ва бандагони подшоҳ низ барои табрик кардани оғои мо подшоҳ
Довуд омада, гуфтанд: „Бигзор Худо номи Сулаймонро аз номи ту
хубтар созад, ва тахти ӯро аз тахти ту бузургтар гардонад“. Ва
подшоҳ бар бистари худ саҷда бурдааст;+

48 Ва подшоҳ низ чунин гуфтааст: „Муборак аст Худованд Худои
Исроил, ки имрӯз касеро, ки бар тахти ман менишинад, ба ман
додааст, ва чашмони ман инро мебинад!“»
49 Ва ҳамаи даъватшудагоне ки назди Адӯниё буданд, ба ҳарос
афтода бархостанд, ва ҳар кас ба роҳи худ рафт.
50 Ва Адӯниё аз Сулаймон ҳаросон шуда, бархост, ва рафта, шохҳои
қурбонгоҳро гирифт+.
51 Ва ба Сулаймон хабар дода, гуфтанд: «Инак, Адӯниё аз подшоҳ
Сулаймон метарсад, ва инак, ӯ шохҳои қурбонгоҳро гирифта, мегӯяд:
„Бигзор подшоҳ Сулаймон имрӯз ба ман қасам хӯрад, ки бандаи
худро ба шамшер нахоҳад кушт“».
52 Ва Сулаймон гуфт: «Агар ӯ росткор гардад, як мӯяш бар замин
нахоҳад афтод, вале агар бадие дар ӯ ёфт шавад, хоҳад мурд»+.
53 Ва подшоҳ Сулаймон фиристод, ва ӯро аз қурбонгоҳ фурӯд
оварданд, ва ӯ омада, ба подшоҳ Сулаймон саҷда бурд, ва Сулаймон
ба ӯ гуфт: «Ба хонаи худ бирав».

## Васияти Довуд ба Сулаймон.

**2** 1 Ва айёми фавти Довуд наздик омад, ва ӯ ба писари худ
Сулаймон васият карда, гуфт:
2 «Ман ба роҳи тамоми аҳли замин меравам, пас ту қавидил ва
мард бош+.
3 Ва амри Худованд Худои худро ба ҷо оварда, бо роҳҳои Ӯ равона
шав, фароизи Ӯ, аҳкоми Ӯ ва дастурҳои Ӯ ва шаҳодоти Ӯро, чунон ки
дар Тавроти Мусо навишта шудааст, риоя намо, то дар ҳар коре ки
мекунӣ ва ба ҳар ҷое ки рӯ меоварӣ, комьёб гардӣ,+
4 То ки Худованд каломи Худро, ки дар ҳаққи ман ба забон
рондааст, ба ҷо оварад, яъне гуфтааст: „Агар писаронат роҳи худро
риоя намуда, бо тамоми дили худ ва бо тамоми ҷони худ ба хузури
Ман бо ростӣ рафтор кунанд, ба яқин касе аз насли ту аз болои тахти
Исроил маҳв нахоҳад шуд“+.
5 Ва низ он чиро, ки Юоб ибни Саруё ба ман кард, яъне он чиро, ки
ӯ дар ҳаққи ду сарлашкари Исроил, — дар ҳаққи Абнир ибни Нир ва
Амосо ибни Ётар, — кард, ту медонӣ: ӯ онҳоро кушта, хуни ҷангро
дар вақти сулҳ рехт, ва камарбандеро, ки ба камараш дошт, ва
кафшеро, ки ба пойҳояш буд, ба хуни ҷанг олуда кард+.
6 Пас, бар тибқи ҳикмати худ амал намо, ва намон, ки мӯи
сафедаш ба саломатӣ ба гӯр фурӯд ояд.
7 Валекин ба писарони Барзилои ҷилъодӣ эҳсон намо, ва бигзор
онҳо дар миёни касоне бошанд, ки дар сари суфраи ту хӯрок
мехӯранд, зеро ки онҳо ба ман ҳамин тавр наздик шуда буданд, вақте
ки аз дасти бародарат Абшолӯм рӯ ба гурез овардам+.
8 Ва инак, Шимъӣ ибни Ҷерои биньёминӣ, ки аз Баҳурим аст,
назди ту мебошад, ва ӯ маро, дар рӯзе ки ба Маҳаноим мерафтам, бо
дашномҳои сахт дашном дода буд; вале ӯ ба пешвози ман назди
Урдун омад, ва ман барои ӯ ба Худованд қасам хӯрда гуфтам, ки
„туро бо шамшер нахоҳам кушт“+
9 Ва алҳол ту ӯро бегуноҳ ҳисоб накун, зеро ки ту марди
хирадманд ҳастӣ, ва медонӣ, ки ба ӯ чӣ коре бикунӣ, то ки мӯи
сафедашро хунолуд гардонида ба гӯр фурӯд оварӣ».

## Фавти Довуд.

10 Ва Довуд бо падарони худ хобид, ва дар шаҳри Довуд дафн карда шуд+.

11 Ва айёме ки Довуд бар Исроил подшоҳӣ кард, чил сол буд: дар Ҳебрӯн ҳафт сол подшоҳӣ кард, ва дар Ерусалим сию се сол подшоҳӣ кард+.

## Подшоҳии Сулаймон.

12 Ва Сулаймон бар тахти падараш Довуд нишаст, ва салтанати ӯ бағоят мустаҳкам гардид+.

13 Ва Адӯниё ибни Ҳаҷҷит назди Батшобаъ, модари Сулаймон, омад. Вай гуфт: «Оё ба саломатӣ омадаӣ?» Ва ӯ ҷавобан гуфт: «Ба саломатӣ».

14 Ва ӯ гуфт: «Ба ту сухане дорам». Вай гуфт: «Бигӯ».

15 Ва ӯ гуфт: «Ту медонӣ, ки салтанат ба ман тааллуқ дошт, ва тамоми Исроил рӯи худро сӯи ман нигаронида буданд, ки ман подшоҳ шавам; валекин салтанат аз ман рӯй гардонида, аз они бародарам шуд, зеро ки он аз ҷониби Худованд насиби ӯ гардидааст+.

16 Ва алҳол ман илтимосе аз ту дорам, хоҳиши маро рад накун». Вай ба ӯ гуфт: «Бигӯ».

17 Ва ӯ гуфт: «Лутфан, ба подшоҳ Сулаймон бигӯ, — зеро ӯ хоҳиши туро рад нахоҳад кард, — ки Абишаги шунаммиро ба ман ба занӣ бидиҳад»+.

18 Ва Батшобаъ гуфт: «Хуб шудааст; ман дар бораи ту ба подшоҳ сухан хоҳам гуфт».

19 Ва Батшобаъ назди подшоҳ Сулаймон омад, то ки ба ӯ дар бораи Адӯниё сухан гӯяд. Ва подшоҳ ба пешвози вай бархоста, ба вай саҷда бурд, ва бар тахти худ нишаст. Барои модари подшоҳ низ тахте гузоштанд, ва вай аз тарафи рости ӯ нишаст,

20 Ва гуфт: «Як илтимоси хурде ман аз ту дорам, хоҳиши маро рад накун». Ва подшоҳ ба вай гуфт: «Бигӯ, эй модарам, зеро ки ман хоҳиши туро рад нахоҳам кард».

21 Вай гуфт: «Изн бидеҳ, ки Абишаги шунаммиро ба бародарат Адӯниё ба занӣ бидиҳанд».

22 Ва подшоҳ Сулаймон ба модараш ҷавоб гардонида, гуфт: «Чаро
ту Абишаги шунаммиро барои Адӯниё илтимос мекунӣ? Пас,
салтанатро низ барои вай илтимос кун, ки вай бародари калонии
ман аст, — ҳам барои вай, ҳам барои Абьётори коҳин ва ҳам барои
Юоб ибни Саруё»+.
23 Ва подшоҳ Сулаймон ба Худованд қасам хӯрда, гуфт: «Худо ба
ман чунин ва зиёда аз ин бикунад, агар Адӯниё ин суханро ба зарари
ҷони худ нагуфта бошад!
24 Ва алҳол қасам ба ҳаёти Худованде ки маро мустаҳкам намуда
ва бар тахти падарам Довуд нишонида ва хонае барои ман, чунон ки
гуфта буд, барпо кардааст, — худи имрӯз Адӯниё бояд бимирад!»+
25 Ва подшоҳ Сулаймон Баноё ибни Еҳӯёдоъро фиристод, ки вай
ӯро зарба зад, ва ӯ мурд+.

## Абьётор аз каҳонат маҳрум гардид.

26 Ва подшоҳ ба Абьётори коҳин гуфт: «Ба киштзори худ ба Анотӯт
бирав, зеро ту сазовори қатл ҳастӣ, вале имрӯз туро нахоҳам кушт,
чунки ту сандуқи Худованди Парвардигорро ба хузури падарам
Довуд бардоштаӣ, ва дар ҳамаи азиятҳои падарам азият кашидаӣ»+.
27 Ва Сулаймон Абьёторро аз каҳонати Худованд бадар ронд, то
каломи Худовандро, ки дар ҳаққи хонадони Элӣ дар Шилӯ гуфта буд,
ба амал оварад+.

## Гурехтани Юоб ва фавти ӯ.

28 Овозаи ин ба гӯши Юоб расид, — дар сурате ки Юоб ба тарафи
Адӯниё моил шуда буд, вале ба тарафи Абшолӯм моил нашуда буд, —
ва Юоб ба хаймаи Худованд гурехта, шохҳои курбонгоҳро гирифт+.
29 Ва ба подшоҳ Сулаймон хабар расониданд, ки Юоб ба хаймаи
Худованд гурехтааст, ва инак назди курбонгоҳ мебошад. Ва
Сулаймон Баноё ибни Еҳӯёдоъро фиристода, гуфт: «Рафта, ӯро зарба
зан».
30 Ва Баноё назди хаймаи Худованд омада, ба ӯ гуфт: «Подшоҳ
чунин гуфт: „Баро!“» Ва ӯ гуфт: «Не, балки дар ин ҷо мехоҳам
бимирам». Ва Баноё ба подшоҳ хабар расонида, гуфт: «Юоб чунин
сухан ронд, ва ба ман чунин ҷавоб дод».

31 Ва подшоҳ ба вай гуфт: «Аз рӯи гуфтаи ӯ амал намо, ва ӯро зарба
зада, дафн кун, ва хуни ноҳаққеро, ки Юоб рехта буд, аз ман ва аз
хонадони падарам дур соз+.
32 Ва бигзор Худованд хуни ӯро бар сари худи ӯ баргардонад,
барои он ки ӯ ба ду шахсе ки аз ӯ одилтар ва некӯтар буданд, зарба
расонида, онҳоро бо шамшер кушт, ва падарам Довуд аз ин бехабар
буд, яъне: Абнир ибни Нирро, ки сарлашкари Исроил буд, ва Амосо
ибни Ётарро, ки сарлашкари Яҳудо буд;+
33 Ва бигзор хуни онҳо бар сари Юоб ва бар сари насли ӯ ба сурати
абадӣ баргардад, вале барои Довуд ва наслаш ва хонадонаш ва тахташ
осоиштагӣ аз ҷониби Худованд то абад бошад!»
34 Ва Баноё ибни Еҳӯёдоъ баромада, ӯро зарба зад, ва ӯро кушт; ва ӯ
дар хонааш, ки дар биёбон буд, дафн карда шуд.

## Баноё — сарлашкар. Содӯқ — коҳин.

35 Ва подшоҳ Баноё ибни Еҳӯёдоъро ба ҷои ӯ бар лашкар таъин
кард; ва подшоҳ Содӯқи коҳинро ба ҷои Абьётор таъин намуд+.
36 Ва подшоҳ фиристода, Шимъиро даъват намуд ва ба ӯ гуфт:
«Барои худ хонае дар Ерусалим бино карда, дар он ҷо сокин шав, ва
аз он ҷо ба ҳеҷ тараф берун нарав+.
37 Ва дар рӯзе ки ту берун рафта, аз наҳри Қидрӯн бигзарӣ, яқинан
бидон, ки хоҳӣ мурд, ва хунат бар сари худат хоҳад буд»+.

## Қатли Шимъӣ.

38 Ва Шимъӣ ба подшоҳ гуфт: «Ин сухан хуб аст; чунон ки оғоям
подшоҳ гуфтааст, бандаатончунон амал хоҳад кард». Ва Шимъӣ
айёми зиёде дар Ерусалим иқомат намуд.
39 Вале баъд аз гузаштани се сол чунин воқеъ шуд, ки ду навкари
Шимъӣ назди Окиш ибни Маако, подшоҳи Ҷат, гурехтанд; ва ба
Шимъӣ хабар дода, гуфтанд: «Инак, навкаронат дар Ҷат мебошанд»+.
40 Ва Шимъӣ бархоста, харашро зин кард, ва ба Ҷат назди Окиш
рафт, то ки навкаронашро ҷустуҷӯ намояд, ва Шимъӣ рафта,
навкаронашро аз Ҷат овард.
41 Ва ба Сулаймон хабар расид, ки Шимъӣ аз Ерусалим ба Ҷат
рафтааст, ва баргаштааст.

42 Ва подшоҳ фиристода, Шимъиро даъват намуд, ва ба вай гуфт:
«Туро, охир, ба Худованд қасам додам, ва туро огоҳ намуда, гуфтам:
„Дар рӯзе ки берун рафта, ба ягон тараф равона шавӣ, бидон, ки
яқинан хоҳӣ мурд“. Ва ту ба ман гуфтӣ: „Ин сухан, ки шунидам, хуб
аст“.
43 Пас, чаро қасами Худованд ва амреро, ки ба ту фармудам, риоя
накардӣ?»+
44 Ва подшоҳ ба Шимъӣ гуфт: «Тамоми бадиеро, ки дар ҳаққи
падарам Довуд кардаӣ, ту медонӣ, ва дилат аз он хабар дорад; ва
Худованд он бадии туро ба сарат баргардонидааст+.
45 Ва подшоҳ Сулаймон муборак хоҳад буд, ва тахти Довуд ба
ҳузури Худованд то абад устувор хоҳад монд»+.
46 Ва подшоҳ ба Баноё ибни Еҳӯёдоъ амр фармуд, ва ӯ берун рафта,
варо зарба зад, ва вай мурд. Ва салтанат дар дасти Сулаймон
мустаҳкам гардид.

## Сулаймон бо фиръавн иттифоқ мебандад ва духтари ӯро ба занӣ мегирад.

3 1 •Ва Сулаймон ба фиръавн, подшоҳи Миср, домод шуд, ва
духтари фиръавнро гирифта, ба шаҳри Довуд овард, то даме ки
сохтани хонаи худ ва хонаи Худованд ва ҳисори Ерусалимро
гирдогирди он анҷом диҳад+.
2 Аммо қавм ҳанӯз бар баландиҳо қурбонӣ мекарданд, зеро ки
хонае ба исми Худованд то он айём бино наёфта буд.
3 Ва Сулаймон Худовандро дӯст дошта, мувофиқи фароизи
падараш Довуд рафтор мекард, аммо ӯ низ бар баландиҳо қурбонӣ
мекард, ва бухур месӯзонид+.

## Овардани қурбониҳо бар Ҷибъӯн.

4 Ва подшоҳ ба Ҷибъӯн равона шуд, то ки дар он ҷо қурбонӣ кунад,
зеро ки баландии аз ҳама бузургтар он ҷо буд; Сулаймон ҳазор
қурбонии сӯхтанӣ бар он қурбонгоҳ овард+.

## Дуои Сулаймон.

5 Дар Ҷибъӯн Худованд ба Сулаймон дар хоби шаб зоҳир гардид,
ва Худо гуфт: «Талаб намо, чӣ чизе ба ту бидиҳам»+.
6 Ва Сулаймон гуфт: «Ту ба бандаи Худ, ба падарам Довуд, эҳсони
азиме кардӣ, азбаски ӯ ба ҳузури Ту бо ростӣ ва адолат ва самимияти
дил рафтор менамуд; ва ин эҳсони азимро барои ӯ нигоҳ дошта, ба ӯ
писаре додӣ, то ки бар тахти ӯ биншинад, чунон ки имрӯз воқеъ
шудааст.
7 Ва алҳол, эй Худованд Худои ман, Ту бандаи Худро ба ҷои
падарам Довуд подшоҳ кардӣ, валекин ман амради хурдсоле ҳастам,
ки даробароро намедонам+.
8 Ва бандаат дар миёни қавми Туст, ки баргузидаӣ, дар миёни
қавми сершуморе ки онҳоро, ба сабаби бисьёриашон, на шумурдан
мумкин аст, на ба ҳисоб овардан+.
9 Пас, ба бандаи Худ дили бохирад ато намо, то ки қавми Туро
доварӣ кунам, ва ба фарқи байни нек ва бад сарфаҳм равам, зеро
кист, ки ин қавми сершумори Туро доварӣ тавонад кунад?»+

10 Ва ин ба назари Худованд писанд омад, ки Сулаймон ин чизро
талабида буд.
11 Ва Худо ба ӯ гуфт: «Азбаски ту ин чизро талабидӣ, ва барои худ
айёми дуру дароз талаб накардӣ, ва барои худ сарват талаб накардӣ,
ва ҷони душманонатро талаб накардӣ, балки барои худ хирад
талабидӣ, то ки инсофро фаҳм намоӣ, —
12 Инак, аз рӯи гуфтаи ту кардам; инак, ба ту дили пурҳикмат ва
бохирад ато намудам, ба тавре ки пеш аз ту касе мисли ту набуд, ва
баъд аз ту касе мисли ту нахоҳад ба майдон омад+.
13 Ва низ он чиро, ки талаб накардӣ, яъне ҳам сарват ва ҳам
ҷалолро ба ту ато намудам, ба тавре ки дар тамоми айёми ту касе
мисли ту дар миёни подшоҳон нахоҳад буд+.
14 Ва агар бо роҳҳои Ман рафтор карда, фароиз ва аҳкоми Маро
риоя намоӣ, чунон ки падарат Довуд рафтор мекард, Ман айёми туро
дуру дароз хоҳам гардонид»+.
15 Ва Сулаймон бедор шуд, ва инак хоб буд. Ва ба Ерусалим омада,
пеши сандуқи аҳди Худованд истод, ва қурбониҳои сӯхтанӣ
баровард, ва қурбониҳои саломатӣ забҳ намуд, ва барои ҳамаи
навкаронаш базм барпо кард+.

## Хирадмандии Сулаймон.

16 Он гоҳ ду зани зинокор назди подшоҳ омада, ба ҳузури ӯ
истоданд.
17 Ва яке аз он занон гуфт: «Эй оғоям! Ман ва ин зан дар як хона
сокин ҳастем; ва ман дар он хона назди вай зоидам.
18 Ва баъд аз зоиданам дар рӯзи сеюм ин зан низ зоид; ва мо бо
ҳамдигар будем, каси бегонае бо мо дар хона набуд, фақат ҳар дуи
мо дар хона будем.
19 Ва шабона писари ин зан мурдааст, чунки вай бар у хобидааст.
20 Ва нисфи шаб вай бархоста, писари маро, вақте ки канизат дар
хоб буд, аз пеши ман гирифтааст ва дар бағали худ гузоштааст, ва
писари мурдаи худро дар бағали ман мондааст.
21 Ва субҳидам, вақте ки ман бархостам, то ки ба писарам сина
диҳам, ва инак, ӯ мурда буд; валекин вақте ки пагоҳӣ ба ӯ
синчакунон нигоҳ кардам, ва инак, ӯ писаре ки ман зоида будам,
набуд».

[22] Ва зани дигар гуфт: «Не, балки бачаи зинда писари ман ва бачаи
мурда писари туст». Ва он зан гуфт: «Не, балки бачаи мурда писари
ту ва бачаи зинда писари ман аст». Ва онҳо ба ҳузури подшоҳ ҳамин
тавр сухан меронданд.
[23] Ва подшоҳ гуфт: «Ин мегӯяд: „Ин бачаи зинда писари ман ва
бачаи мурда писари туст“. Ва он мегӯяд: „Не, балки бачаи мурда
писари ту ва бачаи зинда писари ман аст“».
[24] Ва подшоҳ гуфт: «Шамшере пеши ман биёред». Ва шамшере
пеши подшоҳ оварданд.
[25] Ва подшоҳ гуфт: «Бачаи зиндаро ба ду нима пора кунед, ва
нисфашро ба яке ва нисфашро ба дигаре бидиҳед».
[26] Ва зане ки бачаи зинда писараш буд, ба подшоҳ сухан ронд, зеро
ки ба писараш раҳмаш омад, ва гуфт: «Эй оғоям! Ин бачаи зиндаро ба
вай бидиҳед, ва ба ҳеҷ ваҷҳ ӯро накушед». Валекин зани дигар гуфт:
«Бигзор на аз они ман бошад, ва на аз они ту, — пора кунед!»
[27] Ва подшоҳ ҷавоб гардонида, гуфт: «Бачаи зиндаро ба он зан
бидиҳед, ва ба ҳеҷ ваҷҳ ӯро накушед; вай модари ӯст».
[28] Ва тамоми Исроил довариеро, ки подшоҳ ба амал оварда буд,
шуниданд, ва аз подшоҳ тарсиданд, зеро диданд, ки хирадмандии
илоҳӣ барои доварӣ кардан андаруни ӯст+.

## Сарварони Исроил, ки назди Сулаймон буданд.

**4** 1 Ва подшоҳ Сулаймон бар тамоми Исроил подшоҳ буд.
2 Ва сарвароне ки назди ӯ буданд, инҳоянд: Азарьё ибни Содӯқи
коҳин;+
3 Элиҳӯреф ва Аҳиёд, писарони Шишо, котибон; Еҳӯшофот ибни
Аҳилуд, ваҳоеънавис+.
4 Ва Баноё ибни Еҳӯёдоъ, сарлашкар; ва Содӯқ ва Абьётор,
коҳинон+.
5 Ва Азарьё ибни Нотон, сардори волиён; ва Зобуд ибни Нотони
коҳин, дӯсти подшоҳ+.
6 Ва Аҳишор, нозири хона; ва Адӯниром ибни Абдо, сардори боҷу
хироҷ+.
7 Ва Сулаймон дувоздаҳ волӣ бар тамоми Исроил дошт, ва онҳо
подшоҳ ва хонадонашро бо хӯрокворӣ таъмин мекарданд: ҳар яке
мебоист соле як моҳ бо хӯрокворӣ таъмин мекард.
8 Ва ин аст номҳои онҳо: ибни Ҳур — бар кӯҳи Эфроим;
9 Ибни Доқар — дар Моқас ва Шаалбим ва Байт-Шемеш ва Эйлӯни
Байт-Ҳонон;
10 Ибни Ҳосад — дар Арубб ӯт; Сукӯҳ ва тамоми замини Ҳофар ба ӯ
тааллуқ дошт;
11 Ибни Абинодоб — дар тамоми Нофат-Дӯр; Тофат бинти
Сулаймон завҷаи ӯ буд+.
12 Баано ибни Аҳилуд — дар Таънок ва Маҷиддӯ ва тамоми Байт-
Шеон, ки дар наздикии Сортано, поёнтари Изреъил аст, аз Байт-Шеон
то Обил-Маҳӯло, то он тарафи Ёқемъом;+
13 Ибни Ҷобар — дар Ромӯт-Ҷилъод; деҳоти Ёир ибни Менашше, ки
дар Ҷилъод аст, ва ноҳияи Арҷуб, ки дар Бошон аст, ба ӯ тааллуқ
дошт, яъне шаст шаҳри калону ҳисордор бо ғалақаҳои мисин;+
14 Аҳинодоб ибни Иддӯ — дар Маҳаноим;
15 Аҳимаас — дар Нафтолӣ; ӯ Босмат бинти Сулаймонро ба занӣ
гирифта буд;
16 Баано ибни Ҳушой — дар Ошер ва Баолӯт;
17 Еҳӯшофот ибни Форуаҳ — дар Иссокор;
18 Шимъӣ ибни Эло — дар Биньёмин;

19 Ҷобар ибни Урӣ — дар замини Ҷилъод, ки замини Сиҳӯн,
подшоҳи амӯриён, ва Ӯҷ, подшоҳи Бошон буд; ва ӯ ба танҳои волӣ дар
он замин буд+.
20 Яҳудо ва Исроил, ки мисли реги канори дарьё сершумор буданд,
мехӯрданд ва менӯшиданд ва хурсандӣ мекарданд+.
21 Ва Сулаймон дар тамоми мамлакатҳо, аз наҳри Фурот то замини
фалиштиён, яъне, то сарҳади Миср салтанат меронд; онҳо ҳадияҳо
оварда ба Сулаймон тамоми айёми ҳаёти ӯ хизмат мекарданд+.
22 Ва хӯроквории Сулаймон барои ҳар рӯз ба миқдори зерин буд:
сӣ кӯр* гули орди гандум ва шаст кӯр орди дурушт;
23 Даҳ гови парворӣ, ва бист гов аз чарогоҳ, ва сад гӯсфанд, ба ғайр
аз ғизолҳо ва оҳуҳо ва гавазнҳо ва мурғҳои фарбеҳ.
24 Зеро ки ӯ бар тамоми замини он тарафи наҳр, аз Тифсаҳ то
Ғазза, бар ҳамаи подшоҳони он тарафи наҳр ҳукмронӣ мекард; ва
барои ӯ гирдогирд, аз тамоми атрофаш сулҳу осоиштагӣ буд+.
25 Ва Яҳудо ва Исроил, ҳар кас зери токи ангури худ ва зери
дарахти анҷири худ, аз Дон то Беэр-Шобаъ, дар тамоми айёми
Сулаймон дар амният менишастанд+.
26 Ва Сулаймон чил ҳазор охури асп барои аробаҳояш, ва дувоздаҳ
ҳазор савора дошт+.
27 Ва он волиён подшоҳ Сулаймон ва ҳамаи онҳоеро, ки ба суфраи
подшоҳ Сулаймон тааллуқ доштанд, ҳар яке дар моҳи худ бо
хӯрокворӣ таъмин менамуданд, ва намегузоштанд, ки чизе камӣ
кунад.
28 Ва ҷав ва коҳ барои аспон ва хачирон ба маконе ки онҳо буданд,
ҳар яке мувофиқи ӯҳдадории худ, меоварданд.
29 Ва Худо ба Сулаймон ҳикмат ва хирадмандии беғоят зиёде ато
намуда буд, ва фаровонии дониши ӯ мисли реги канори дарьё буд.
30 Ва ҳикмати Сулаймон аз ҳикмати тамоми мардуми Шарқ, ва аз
тамоми ҳикмати Миср зиёд буд+.
31 Ва ӯ аз ҳамаи одамон, аз Эйтони эзроҳӣ ва аз писарони Моҳӯл —
Ҳеймон ва Калкул ва Дардаъ — бохирадтар буд, ва номи ӯ дар миёни
ҳамаи халқҳои гирду атроф шӯҳрат дошт+.
32 Ва ӯ се ҳазор масал гуфтааст, ва ғазалҳояш ҳазор ва панҷто буд+.

33 Ва ӯ дар бораи дарахтон сухан рондааст, — аз арзе ки дар Лубнон
аст, то зуфое ки бар деворҳо мерӯяд; ва дар бораи чорпоён ва мурғон
ва ҳашарот ва моҳиён сухан рондааст.
34 Ва аз ҳамаи қавмҳо барои шунидани ҳикмати Сулаймон
меомаданд, — аз ҷониби ҳамаи подшоҳони замин, ки овозаи
ҳикмати ӯ ба гӯшашон расида буд+.

## Сулаймон барои сохтани маъбад тайёрӣ мебинад.

# 5

1 •Ва Ҳиром, подшоҳи Сӯр, навкарони худро назди Сулаймон
фиристод, зеро шунида буд, ки ӯро ба ҷои падараш ба подшоҳӣ
тадҳин намудаанд; чунки Ҳиром ҳама вақт дӯсти Довуд буд+.
2 Ва Сулаймон назди Ҳиром фиристода, гуфт:
3 «Ту медонӣ, ки падари ман Довуд натавонист хонае ба исми
Худованд Худои худ бино кунад, ба сабаби ҷанги душманоне ки ӯро
иҳота менамуданд, то вақте ки Худованд онҳоро зери кафи пойҳои ӯ
гузошт+.
4 Вале алҳол Худованд Худои ман маро аз гирду атрофам оромӣ
додааст: ҳеҷ монеае ва ҳеҷ мусибате нест+.
5 Ва инак, ман ният дорам, ки хонае ба исми Худованд Худои худ
бино кунам, чунон ки Худованд ба падари ман Довуд сухан ронда,
гуфтааст: „Писари ту, ки варо ба ҷои ту бар тахти ту хоҳам нишонид,
хонае ба исми Ман бино хоҳад кард“+.
6 Ва алҳол амр фармо, ки барои ман арзҳо аз Лубнон бибуранд; ва
навкарони ман ҳамроҳи навкарони ту хоҳанд буд, ва ман музди
навкаронатро бар тибқи ҳар он чи бигӯӣ, ба ту хоҳам дод; зеро ту
медонӣ, ки дар миёни мо касе нест, ки дар кори дарахтбурӣ мисли
сидӯниён моҳир бошад».
7 Ва ҳангоме ки Ҳиром суханони Сулаймонро шунид, бағоят шод
гардида, гуфт: «Муборак аст имрӯз Худованд, ки ба Довуд писари
хирадманде бар ин қавми сершумор ато намудааст!»
8 Ва Ҳиром назди Сулаймон фиристода, гуфт: «Он чи назди ман
фиристодӣ, шунидам; ман тамоми хоҳиши туро дар бораи дарахтони
арз ва дарахтони сарв ба амал хоҳам овард.
9 Навкарони ман онҳоро аз Лубнон ба баҳр фурӯд хоҳанд овард, ва
ман онҳоро ба шакли амадҳо бо роҳи баҳр ба маконе ки барои ман
таъин намоӣ, расонида, дар он ҷо аз ҳам ҷудо хоҳам кард, ва ту
онҳоро хоҳӣ бурд; ту низ хоҳиши маро ба ҷо оварда, барои хонаи ман
хӯрокворӣ бидеҳ».
10 Ва Ҳиром ба Сулаймон дарахтони арз ва дарахтони сарвро, ҳар
қадар, ки ӯ хоста буд, медод.

11 Ва Сулаймон ба Ҳиром бист ҳазор кӯр гандум барои таъминоти
хонаи ӯ, ва бист кӯр равғани пок медод; Сулаймон ҳар сол ба Ҳиром
ҳамин қадар медод.
12 Ва Худованд ба Сулаймон, чунон ки ба ӯ гуфта буд, ҳикмат ато
намуд. Ва дар миёни Ҳиром ва Сулаймон сулҳу осоиштагӣ буд, ва ҳар
дуи онҳо иттифоқ бастанд+.
13 Ва подшоҳ Сулаймон бар тамоми Исроил ӯҳдадорӣ муқаррар
намуд, ва ин ӯхдадорӣ аз сӣ ҳазор одам иборат буд+.
14 Ва аз онҳо ҳар моҳ даҳ ҳазор нафарро бо навбат ба Лубнон
мефиристод, ки онҳо як моҳ дар Лубнон ва ду моҳ дар хонаи худ
мемонданд. Ва Адӯниром ба ин ӯхдадорӣ сардорӣ менамуд+.
15 Ва Сулаймон ҳафтод ҳазор нафар боркаш, ва ҳаштод ҳазор нафар
сангтарош дар кӯҳистон дошт,
16 Ба ғайр аз сардороне ки Сулаймон дар сари кор гузошта буд, ки
се ҳазору сесад нафар буда, ба мардуми иҷрокунандаи кор назорат
мекарданд.
17 Ва подшоҳ амр фармуд, ва сангҳои бузург, сангҳои гаронбаҳо,
сангҳои тарошидашуда барои гузоштани буньёди хона кашонда
меоварданд+.
18 Ва онҳоро бинокорони Сулаймон ва бинокорони Ҳиром ва
ҷабалиён суфта мекарданд, ва дарахтону сангҳоро барои сохтмони
хона тайёр мекарданд+.

## Ибтидои сохтмони маъбад.

6 [1] •Ва дар соли чорсаду ҳаштодуми аз Миср берун омадани
банӣ-Исроил, дар соли чоруми подшоҳии Сулаймон бар Исроил,
дар моҳи зив, ки моҳи дуюм аст, ӯ ба бино кардани хонае барои
Худованд шурӯъ намуд.
[2] Ва хонае ки подшоҳ Сулаймон барои Худованд бино кард,
дарозияш шаст зироъ, фарохияш бист зироъ ва қадаш сӣ зироъ буд.
[3] Ва равоқи пеши толори хона, мувофиқи фарохии хона, дарозияш
бист зироъ ва қадаш даҳ зироъ дар пеши хона буд.
[4] Ва барои хона тирезаҳои пӯшидаи шабакадор сохт+.
[5] Ва назди девори хона иморати изофӣ сохт, ки он гирдогирди
деворҳои хона, яъне гирдогирди толор ва ҳарам буд; ва гирдогирд
хоначаҳо сохт+.
[6] Қабати поёнии иморати изофӣ панҷ зироъ фарохӣ, қабати
миёнаи он шаш зироъ фарохӣ ва қабати сеюми он ҳафт зироъ фарохӣ
дошт, зеро ки гирдогирди хона аз берун барҷастагиҳо гузошта шуда
буд, то ки болорҳо ба деворҳои хона пайванд нашавад.
[7] Ва ҳангоме ки хона бино меёфт, он аз сангҳои яклухте ки
тарошида оварда буданд, бино ёфт, ва садои болға ва табар ва ҳар
олати оҳанин дар вақти бино ёфтани хона шунида нашуд+.
[8] Дари қабати миёна аз тарафи рости хона буд, ва ба воситаи
зинапояи печопеч ба қабати миёна, ва аз қабати миёна ба қабати
сеюм мебаромаданд.
[9] Ва ӯ хонаро бино карда, ба анҷом расонид; ва хонаро бо чӯбу
тахтаҳои арз рӯйбаст кард.
[10] Ва дар гирди тамоми хона иморати изофӣ сохт, ки қади ҳар
қабаташ панҷ зироъ буд; ва он бо болорҳои арз ба хона пайванд
гардид.
[11] Ва каломи Худованд бар Сулаймон нозил шуда, гуфт:
[12] «Ин хонае ки ту бино мекунӣ, — агар ту бар тибқи фароизи Ман
рафтор намоӣ ва дастурҳои Маро ба ҷо оварӣ, ва тамоми аҳкоми
Маро нигоҳ дошта, мувофиқи онҳо қадамгузор шавӣ, — он гоҳ Ман
каломи Худро, ки ба падарат Довуд гуфтаам, бо ту ба амал хоҳам
оварл+.

[13] Ва дар миёни банӣ-Исроил сокин шуда, қавми Худ Исроилро
тарк нахоҳам кард»+.
[14] Ва Сулаймон хонаро бино карда, ба анҷом расонид.
[15] Ва деворҳои хонаро аз дарун бо чӯбҳои арз бино кард, аз замини
хона то болорҳои сақф аз дарун бо тахта рӯйбаст намуд, ва замини
хонаро бо чӯбҳои сарв фарш кард.
[16] Ва бист зироъро аз ақсои хона бо чӯбҳои сарв аз замин то
болорҳои сақф бино кард; ва инро ӯ аз дарун барои ҳарам, ки қудси
қудсҳост, бино кард+.
[17] Ва хона, яъне толори пеши ҳарам, чил зироъ буд.
[18] Ва бар рӯйбасти арзии даруни хона кандакорӣ ба шакли ғунчаҳо
ва шукуфаҳо буд; ҳама ҷо бо арз рӯйбаст карда шуда буд, санге ба
назар наменамуд+.
[19] Ва ҳарамро андаруни хона барои он сохта буд, ки дар он ҷо
сандуқи аҳди Худовандро ҷойгир кунад.
[20] Ва даруни ҳарам бист зироъ дарозӣ, ва бист зироъ фарохӣ ва
бист зироъ қад дошт, ва онро ӯ бо зари холис рӯйбаст намуд;
қурбонгоҳи арзиро низ рӯйбаст намуд.
[21] Ва Сулаймон хонаро аз дарун бо зари холис рӯйбаст намуд; ва
пеши дари ҳарам занҷирҳои тилло овехт, ва онро бо тилло рӯйбаст
намуд.
[22] Ва тамоми хонаро, то охири тамоми хона, бо тилло рӯйбаст
намуд; ва тамоми қурбонгоҳро, ки пеши дари ҳарам буд, бо тилло
рӯйбаст намуд+.
[23] Ва дар ҳарам ду каррубӣ аз чӯби зайтун сохт, ки қади ҳар яке
даҳ зироъ буд+.
[24] Ва як боли каррубӣ панҷ зироъ ва боли дигари каррубӣ панҷ
зироъ буд; аз сари як бол то сари боли дигар даҳ зироъ буд.
[25] Ва каррубии дуюм даҳ зироъ буд; ҳар ду каррубӣ як андоза ва як
шакл доштанд.
[26] Қади як каррубӣ даҳ зироъ буд, ва ҳамчунин каррубии дигар.
[27] Ва ӯ каррубиёнро дар миёни хонаи дарунӣ гузошт, дар ҳолате
ки болҳои каррубиён паҳн шуда буд, ва боли як каррубӣ ба як девор
мерасид, ва боли каррубии дигар ба девори дигар мерасид, ва болҳои
дигари онҳо дар миёни хона бол бо бол бармехӯрд.
[28] Ва ӯ каррубиёнро бо тилло рӯйбаст намуд.

29 Ва бар ҳамаи деворҳои хона, гирдогирд, нақшҳои каррубиён ва
нахлҳо ва ғунчаҳои шукуфтаро дар андарун ва берун канд.
30 Ва замини хонаро дар андарун ва берун бо тилло рӯйбаст намуд.
31 Ва дар даромадгоҳи ҳарам дари дутабақа аз чӯби зайтун сохт;
паҳлударии он панҷгӯша буд.
32 Ва бар он дари дутабақа, ки аз чӯби зайтун буд, ӯ нақшҳои
каррубиён ва нахлҳо ва ғунчаҳои шукуфтаро канд ва бо тилло
рӯйбаст намуд; ва каррубиён ва нақшҳои нахлро бо тилло пӯшонид.
33 Ва ҳамчунин барои дари толор паҳлудариҳо аз чӯби зайтун
сохт, ки чоргӯша буд.
34 Ва ду табақаи ин дар аз чӯби сарв буд; ва ду тахтаи табақаи
аввал мутаҳаррик буд, ва ду тахтаи табақаи дуюм мутаҳаррик буд+.
35 Ва бар онҳо нақшҳои каррубиён ва нахлҳо ва ғунчаҳои
шукуфтаро канд, ва онҳоро бо тиллое ки ба кандакорӣ мувофиқ
кунонида буд, рӯйбаст намуд.
36 Ва саҳни дохилиро аз се қатор сангҳои тарошидашуда ва як
қатор ғӯлаҳои арз бино кард+.
37 Дар соли чорум, дар моҳи зив, буньёди хонаи Худованд гузошта
шуд.
38 Ва дар соли ёздаҳум, дар моҳи бул, ки моҳи ҳаштум аст, хона бо
тамоми лавозимоташ мувофиқи ҳамаи дастурҳояш ба анҷом расид;
ва ҳафт сол ӯ онро бино кард.

## Бино кардани қасри подшоҳ.

7 [1] Валекин хонаи худро Сулаймон сездаҳ сол бино кард, ва
тамоми хонаи худро ба анҷом расонид+.
[2] Ва хонаи Ҷангали Лубнонро бино кард, ки дарозияш сад зироъ,
ва фарохияш панҷоҳ зироъ, ва қадаш сӣ зироъ буд, — он бар чор
қатор сутунҳои арз бино ёфт, ки бар он сутунҳо ғӯлаҳои арз гузошта
шуда буд+.
[3] Ва аз болои ғӯлаҳое ки бар сутунҳо гузошта шуда буд, сақф бо арз
рӯйбаст карда шуд, — адади он сутунҳо чилу панҷ, дар ҳар қатор
понздаҳ буд.
[4] Ва роғҳо се қатор буд, ва равзан рӯ ба рӯи равзан дар се қатор
буд.
[5] Ва ҳамаи дарҳо ва паҳлудариҳо чоргӯшаи роғдор буд, ҳамчунин
равзан рӯ ба рӯи равзан дар се қатор чоргӯша буд.
[6] Ва равоқе аз сутунҳо сохт, ки дарозияш панҷоҳ зироъ, ва
фарохияш сӣ зироъ буд; ва долоне пеши онҳо, ва сутунҳо ва остонае
пеши онҳо буд;+
[7] Ва равоқе барои тахт, ки дар он ҷо ӯ доварӣ мекард, яъне равоқе
барои доварӣ сохт, ва онро аз замин то болорҳои сақф бо чӯби арз
рӯйбаст намуд+.
[8] Ва хонаи ӯ, ки дар он иқомат дошт, дар саҳни дигаре аз ақиби ин
равоқ ба ҳамин тариқа рӯйбаст намуда шуд; ва барои духтари
фиръавн, ки Сулаймон ба занӣ гирифта буд, хонае сохта, мисли он
равоқ рӯйбаст намуд+.
[9] Ҳамаи ин биноҳо аз сангҳои гаронбаҳое ки бо андоза тарошида
ва аз даруну берун суфта карда шуда буд, аз таҳкурсӣ то сари девор
ва аз берун то саҳни бузург сохта шуда буд.
[10] Ва дар таҳкурсӣ сангҳои гаронбаҳо, сангҳои бузург, сангҳои даҳ-
зироӣ ва сангҳои ҳашт-зироӣ гузошта шуда буд;
[11] Ва аз болои онҳо сангҳои гаронбаҳои бо андоза тарошидашуда
ва чӯби арз буд.
[12] Ва гирдогирди саҳни бузург се қатор сангҳои тарошидашуда ва
як қатор ғӯлаҳои арз буд; ва саҳни дохилии хонаи Худованд ва
равоқи хона низ чунин таворае дошт+.

## Ороиши маъбад.

13 •Ва подшоҳ Сулаймон фиристода, Ҳиромро аз Сӯр оваронид,+
14 Ки ӯ писари бевазане аз сибти Нафтолӣ буд, ва падараш марди
сӯрии мисгар буд. Ва ӯ пур аз ҳикмат ва маҳорат ва дониш барои
иҷрои ҳар кори мисгарӣ буд, ва назди подшоҳ Сулаймон омада,
тамоми кори варо ба ҷо овард+.
15 Ва қолибе аз мис барои ду сутун рехт, ки қади ҳар сутун ҳаждаҳ
зироъ буд, ва риштае ба дарозии дувоздаҳ зироъ ҳар якеро дар бар
мегирифт+.
16 Ва ду тоҷи аз мис рехтае сохт, то ки онҳоро бар сари сутунҳо
бигузорад; қади як тоҷ панҷ зироъ, ва қади тоҷи дигар панҷ зироъ
буд.
17 Шабакаҳои бофта ва шилшилаҳои занҷиршакл барои тоҷҳое ки
бар сари сутунҳо буд, сохт: ҳафт адад барои як тоҷ, ва ҳафт адад
барои тоҷи дигар.
18 Сутунҳоро ӯ ҳамин тавр сохт, бо ду қатор анорҳо бар ҳар шабака
барои пӯшонидани тоҷҳое ки бар сари сутунҳо буд; ва ҳамчунин
барои тоҷи дуюм сохт.
19 Ва бар тоҷҳое ки бар сари сутунҳои равоқ буд, ороише ба шакли
савсанҳо сохт, ки қадаш чор зироъ буд.
20 Ва бар тоҷҳое ки бар ду сутун буд, аз болотари барҷастагии онҳо
низ, назди шабака, дусад адад анор дар қаторҳо гирдогирд буд;
ҳамчунин бар тоҷи дуюм буд.
21 Ва сутунҳоро пеши равоқи толор барқарор намуд; ва сутуни
ростро барқарор намуда, номи онро Ёкин хонд, ва сутуни чапро
барқарор намуда, номи онро Бӯаз хонд.
22 Ва бар сари сутунҳо ороише ба шакли савсанҳо буд; ва кори
сутунҳо бо ҳамин ба анҷом расид.
23 Ва ҳавзе сохт, ки аз мис рехта шуда буд, аз лаб то лабаш даҳ
зироъ буд, шакли комилан доиравӣ дошт, ва қадаш панҷ зироъ буд,
ва риштаи сӣ-зироӣ онро гирдогирд дар бар мегирифт+.
24 Ва зери лаби он гирдогирд ғунчаҳо буд, ки онро дар бар
мегирифт, ба тавре ки ба ҳар зироъ даҳ адад аз онҳо буд, ва онҳо
ҳавзро гирдогирд дар бар мегирифт; ин ғунчаҳо ду қатор буда,
баробари рехта шудани он рехта шуда буд+.

25 Он бар дувоздаҳ гов меистод, ки се адади онҳо ба тарафи шимол
менигарист, ва се адади онҳо ба тарафи ғарб менигарист, ва се адади
онҳо ба тарафи ҷануб менигарист, ва се адади онҳо ба тарафи шарқ
менигарист, ва ҳавз аз боло бар онҳо меистод, ва ҳамаи пуштҳои
онҳо дар таги он буд.
26 Ва ғафсии он як ваҷаб буд, ва лабаш мисли лаби ҷилди гули
савсан сохта шуда буд; гунҷоиши он ду ҳазор бат буд.
27 Ва ӯ даҳ пояи мисин сохт; дарозии ҳар поя чор зироъ буд, ва
фарохияш — чор зироъ, ва қадаш — се зироъ.
28 Ва сохти поя чунин буд, ки ҳошияҳо дошт, ва ҳошияҳо дар
миёни тасмаҳо буд.
29 Ва бар ҳошияҳои миёни тасмаҳо суратҳои шерон, говон ва
каррубиён буд, ва ҳамчунин бар тасмаҳои боло; ва дар поёни шерон
ва говон нақшҳои гулдаста овезон буд.
30 Ва ҳар поя чор чархи мисин ва меҳварҳои мисин дошт; ва чор
кунҷи он китфҳо дошт, ки китфҳои рехташудае дар таги дастшӯяк
буд, ва дар он тарафаш нақшҳои гулдаста буд.
31 Ва даҳанаш дар миёни тоҷ ва болои он як зироъ буд; ва даҳанаш
шакли доиравӣ дошта, чун таҳкурсӣ хизмат мекард ва якуним зироъ
буд, ва бар даҳанаш низ нақшу нигор буд, ва нақшҳои онҳо чоргӯша
буд, на доирашакл.
32 Ва чор чарх дар таги ҳошияҳо буд, ва меҳварҳои чархҳо дар поя
буд; ва қади ҳар чарх якуним зироъ буд.
33 Ва сохти чархҳо мисли сохти чархҳои ароба буд; меҳварҳошон
ва чанбаракҳошон ва парраҳошон ва гупчакҳошон — ҳамааш рехта
шуда буд.
34 Ва чор китф бар чор гӯшаи ҳар поя буд, ва китфҳои поя аз худаш
буд.
35 Ва бар сари поя лӯндагии доирашакле буд, ки қадаш ним зироъ
буд; ва бар сари поя дастакҳояш ва ҳошияҳояш аз худаш буд.
36 Ва бар лавҳаҳояш ва дастакҳояш ва ҳошияҳояш, мувофиқи сатҳи
холии ҳар яке, нақшҳои каррубиён, шерон ва нахлҳоро ба вуҷуд
овард, ва гирдогирди онҳо нақшҳои гулдаста буд.
37 Даҳ пояро ӯ ҳамин тавр сохт, ки ҳамаи онҳо як рехт, як андоза,
як шакл доштанд.

38 Ва даҳ дастшӯяки мисин сохт; гунҷоиши ҳар дастшӯяк чил бат
буд; қади ҳар дастшӯяк чор зироъ буд; бар ҳар поя, аз он даҳ поя, як
дастшӯяк буд.
39 Ва панҷ пояро дар тарафи рости хона, ва панҷ ададашро дар
тарафи чапи хона гузошт; ва ҳавзро дар тарафи рости хона, дар
ҷониби шарқи ҷанубӣ ҷойгир кард.
40 Ва Ҳиром дастшӯякҳо ва хокандозҳо ва косаҳо сохт; ва Ҳиром
тамоми кореро, ки назди подшоҳ Сулаймон барои хонаи Худованд ба
ҷо меоварл, ба анҷом расонид:+
41 Ду сутун, ва ду гулӯлаи тоҷҳое ки бар сари сутунҳо буд; ва ду
шабака барои пӯшонидани ду гулӯлаи тоҷҳое ки бар сари сутунҳо
буд;
42 Ва чорсад аноре ки барои ду шабака буд: ду қатор анорҳо барои
ҳар шабака аз баҳри пӯшонидани ду гулӯлаи тоҷҳое ки болои
сутунҳо буд;
43 Ва даҳ поя, ва даҳ дастшӯяке ки бар пояҳо буд;
44 Ва як ҳавз, ва дувоздаҳ гове ки дар таги ҳавз буд;
45 Ва дегҳо, ва хокандозҳо, ва косаҳо, — тамоми ин колое ки Ҳиром
назди подшоҳ Сулаймон барои хонаи Худованд сохт, аз миси
сайқалӣ буд.
46 Онҳоро подшоҳ дар умқи гиле ки дар водии Урдун, дар миёни
Суккӯт ва Сортон буд, рехт+.
47 Ва Сулаймон тамоми ин колоро ҷо ба ҷо гузошт; азбаски адади
онҳо бағоят бисьёр буд, вазни мис муайян карда нашуд+.
48 Ва Сулаймон тамоми колоеро, ки дар хонаи Худованд буд, сохт:
қурбонгоҳи тилло, ва мизе ки нони тақдим бар он буд, — аз тилло;+
49 Ва чароғҳо, ки панҷ адад аз тарафи рост ва панҷ адад аз тарафи
чап, пеши ҳарам буд, — аз тиллои холис; ва гулҳо, ва косачаҳои
равғани чароғ, ва анбӯрҳо, — аз тилло;+
50 Ва тосҳо, ва оташгиракҳо, ва косаҳо, ва қошуқҳо, ва маҷмарҳо, —
аз тиллои холис; ва ошиқ-маъшуқҳо барои дарҳои хонаи дохилӣ, ки
қудси қудсҳо бошад, ва барои дарҳои хона, ки толор бошад, — аз
тилло+.
51 Ва тамоми коре ки подшоҳ Сулаймон барои хонаи Худованд ба
ҷо оварл, анҷом ёфт; ва Сулаймон он чиро, ки падараш Довуд вақф

намуда буд, яъне он нуқра ва тилло ва колоро оварда, ба ганҷинаи хонаи Худованд супурд+.

## Тақдис кардани маъбад.

**8** [1] •Он гоҳ Сулаймон пирони Исроил, ҳамаи сардорони сибтҳо,
раисони хонаводаҳои банӣ-Исроилро назди подшоҳ Сулаймон дар
Ерусалим ҷамъ кард, то ки сандуқи аҳди Худовандро аз шаҳри Довуд,
ки Сион бошад, бароваранд+.
[2] Ва тамоми мардуми Исроил дар моҳи этоним, ки моҳи ҳафтум
аст, дар ид назди подшоҳ Сулаймон чамъ шуданд+.
[3] Ва ҳамаи пирони Исроил омаданд, ва коҳинон сандуқро
бардоштанд.
[4] Ва сандуқи Худованд, ва ҳаймаи ҷомеъ, ва тамоми колои
муқаддасро, ки дар хайма буд, бардоштанд; ва коҳинон ва
левизодагон онҳоро бардоштанд.
[5] Ва подшоҳ Сулаймон ва тамоми ҷамоати Исроил, ки назди ӯ
ҷамъ шуда буданд, ҳамроҳи ӯ пеши сандуқ истода, гӯсфандон ва
говонро қурбонӣ мекарданд, ки миқдори онҳоро, ба сабаби
бисьёриашон, ба ҳисоб овардан ва муайян намудан мумкин набуд.
[6] Ва коҳинон сандуқи аҳди Худовандро ба маконаш, ба ҳарами
хона, ба қудси қудсҳо, зери болҳои каррубиён даровярданд+.
[7] Зеро ки каррубиён болҳошонро бар макони сандуқ паҳн
мекарданд; ва каррубиён сандуқ ва дастакҳояшро аз боло
мепӯшониданд+.
[8] Ва дастакҳо он қадар дароз буд, ки сари дастакҳо аз қудсе ки
пеши ҳарам буд, дида мешуд, вале аз берун дида намешуд; онҳо то
имрӯз дар он ҷост.
[9] Дар сандуқ чизе набуд, ғайр аз ду лавҳи санг, ки Мусо дар Ҳӯриб
дар он гузошт, вақте ки Худованд бо банӣ-Исроил, ҳангоми берун
омаданашон аз замини Миср, аҳд баст+.
[10] Ва чунин воқеъ шуд, ки чун коҳинон аз қудс берун омаданд, абр
хонаи Худовандро пур кард+.

## Ҷалоли Худованд маъбадро пур мекунад.

## Дуои Сулаймон.

[11] Ва коҳинон, ба сабаби абр, натавонистанд барои хизмат
биистанд, зеро ки ҷалоли Худованд хонаи Худовандро пур карда буд.

[12] Он гоҳ Сулаймон гуфт: «Худованд гуфтааст, ки дар меғ сокин
мешавад+.
[13] Ман хонае барои сукунати Ту бино намудаам, маконе барои он
ки Ту дар он то абад сокин шавӣ».

[14] •Ва подшоҳ рӯи худро гардонида, тамоми ҷамоати Исроилро
баракат дод, ва тамоми ҷамоати Исроил меистоданд+.
[15] Ва гуфт: «Муборак аст Худованд Худои Исроил, ки бо даҳони
Худ ба падарам Довуд сухан рондааст, ва бо дасти Худ онро ба ҷо
овардааст! Ӯ гуфтааст:
[16] „Аз рӯзе ки Ман қавми Худ Исроилро аз Миср берун овардаам,
шаҳреро аз ҳамаи сибтҳои Исроил барои бино кардани хонае
барнагузидаам, то ки исми Ман дар он бошад; валекин Ман Довудро
баргузидам, то ки ӯ бар қавми Ман Исроил сардорӣ намояд“+.
[17] Ва дар дили падарам Довуд орзуе буд, ки хонае ба исми
Худованд Худои Исроил бино кунад+.
[18] Вале Худованд ба падарам Довуд гуфт: „Чун дар дили ту орзуе
буд, ки хонае ба исми Ман бино намоӣ, хуб кардӣ, ки чунин орзу дар
дили худ доштӣ;
[19] Аммо ту хонаро бино нахоҳӣ кард, балки писари ту, ки аз
камари ту берунояд, — ӯ хонаро ба исми Ман бино хоҳад кард“+.
[20] Ва Худованд каломи Худро, ки ба забон ронда буд, ба ҷо овард,
ва ман ба ҷои падарам Довуд ба майдон омадам ва, бар тибқи он чи
Худованд гуфта буд, бар тахти Исроил нишастам ва хонае ба исми
Худованд Худои Исроил бино кардам+.
[21] Ва дар он, маконе барои сандуқи аҳди Худованд муҳайё
намудам, аҳде ки Ӯ бо падарони мо, вақте ки онҳоро аз замини Миср
берун овард, баста буд».

[22] •Ва Сулаймон пеши қурбонгоҳи Худованд, дар рӯ ба рӯи тамоми
ҷамоати Исроил истода, дастҳояшро сӯи осмон дароз кард,+
[23] Ва гуфт: «Эй Худованд Худои Исроил! Худое мисли Ту на дар
осмон аз боло ҳаст, на бар замин аз поён. Ту ба бандагони Худ, ки ба
ҳузури Ту бо тамоми дили худ рафтор менамоянд, аҳд ва эҳсонро
нигоҳ медорӣ+.
[24] Ту он чиро, ки ба бандаи Худ — падарам Довуд — гуфтӣ, риоя
намудӣ: Ту бо даҳони Худ гуфтӣ ва бо дасти Худ ба ҷо овардӣ, чунон

ки имрӯз воқеъ шудааст.
25 Ва алҳол, эй Худованд Худои Исроил, барои бандаи Худ,
падарам Довуд, он каломро риоя намо, ки ба ӯ гуфтаӣ: „Касе ки ба
ҳузури Ман бар тахти Исроил биншинад, барои ту хотима нахоҳад
ёфт, ба шарте ки писаронат роҳҳои худро нигоҳ дошта, ба ҳузури Ман
рафтор намоянд, чунон ки ту ба ҳузури Ман рафтор намудаӣ“+.
26 Ва алҳол, эй Худои Исроил, бигзор каломи Ту, ки ба бандаи Худ,
падарам Довуд гуфтаӣ, собит гардад!+
27 Оё дар ҳақиқат Худо бар замин сокин хоҳад шуд? Охир, осмон ва
фалакулафлок наметавонад Туро гунҷоиш диҳад, чӣ ҷои ин хонае ки
ман бино кардаам!+
28 Валекин, эй Худованд Худои ман, ба дуои бандаи Худ ва ба
истиғосаи вай таваҷҷӯҳ намо, то тазаррӯъ ва дуоеро, ки бандаат
имрӯз ба ҳузури Ту мегӯяд, бишнавӣ,
29 Ва чашмони Ту бар ин хона, бар ин маконе ки дар бораи он
гуфтаӣ: „Исми Ман дар он ҷо хоҳад буд“, шабу рӯз воз бошад, ва Ту
дуоеро, ки бандаат дар ин макон мегӯяд, бишнавӣ+.
30 Ва Ту истиғосаи бандаи Худ ва қавми Худ Исроилро, ки дар ин
макон дуо мегӯянд, бишнав, онро аз ҷои сукунати Худ, аз осмон
бишнав, ва шунида, биомурз.
31 Ҳангоме ки касе нисбат ба ёри худ гуноҳ карда, ба қасам хӯрдан
маҷбур шавад, ва омада, пеши қурбонгоҳи Ту дар ин хона қасам
хӯрад, —+
32 Он гоҳ Ту аз осмон бишнав, ва бар бандагонат доварӣ намо, то
ки шарирро айбдор карда, рафторашро ба сараш баргардонӣ, ва
одилро сафед карда, бар тибқи адолаташ ба вай подош диҳӣ.
33 Ҳангоме ки қавми Ту Исроил барои гуноҳе ки ба ҳузури Ту ба
амал оварда бошанд, пеши душман мағлуб шаванд, ва сӯи Ту руҷӯъ
намуда ва исми Туро ҳамду сано хонда, пеши Ту дар ин хона дуо
гӯянд ва истиғоса кунанд, —+
34 Он гоҳ Ту аз осмон бишнав, ва гуноҳи қавми Худ Исроилро
биомурз, ва онҳоро ба замине ки ба падаронашон додаӣ, баргардон.
35 Ҳангоме ки осмон баста шавад ва барои гуноҳе ки ба ҳузури Ту
ба амал оварда бошанд, борон наборад, ва дар ин макон дуо гуфта ва
исми Туро ҳамду сано хонда, аз гуноҳи худ тавба кунанд, чунки Ту
онҳоро фурӯ нишондаӣ, —+

[36] Он гоҳ Ту аз осмон бишнав, ва гуноҳи бандагони Худ ва қавми
Худ Исроилро омурзида, роҳи некӯро, ки бо он бояд бираванд, ба
онҳо нишон бидеҳ, ва бар замини Худ, ки онро ба қавми Худ барои
мерос додаӣ, борон бифирист+.
[37] Агар дар замин қаҳтӣ рӯй диҳад, агар вабо ояд, агар боди самум,
хушксолӣ, малах ё кирмак пайдо шавад, агар душманонашон онҳоро
дар шаҳрҳои заминашон ба танг оваранд, агар ягон мусибат ё ягон
беморӣ воқеъ шавад, —+
[38] Он гоҳ ҳар дуо ва ҳар истиғосаро, ки аз ҷониби ҳар одам, ё аз
ҷониби тамоми қавми Ту Исроил гуфта мешавад, вақте ки ҳар яке аз
онҳо мусибати дили худро медонанд ва дастҳои худро сӯи ин хона
дароз мекунанд,
[39] Ту аз осмон, ки макони сукунати Туст, бишнав ва биомурз, ва
амал намуда, ба ҳар кас, ки дили варо медонӣ, бар тибқи тамоми
рафтораш подош бидеҳ, зеро ки танҳо Ту донандаи дилҳои тамоми
банӣ-одам ҳастӣ,+
[40] То ки онҳо тамоми айёми худ аз Ту ҳаросон бошанд, — тамоми
айёме ки онҳо бар рӯи замине ки Ту ба падарони мо додаӣ, зиндагӣ
мекунанд.
[41] Ва ҳамчунин аҷнабиро, ки аз қавми Ту Исроил набошад, вале ба
хотири исми Ту аз замини дурдаст омада бошад, —+
[42] Зеро ки онҳо низ овозаи исми бузурги Ту ва дасти қавии Ту ва
бозуи тӯлонии Туро хоҳанд шунид, — ва ҳангоме ки вай омада, дар
ин хона дуо гӯяд,
[43] Ту аз осмон, ки макони сукунати Туст, бишнав, ва ҳар он чиро,
ки аҷнабӣ сӯи Ту хонда дархост намояд, ба амал овар, то ки ҳамаи
қавмҳои замин исми Туро бишиносанд, ва аз Ту мисли қавми Ту
Исроил ҳаросон бошанд, ва бидонанд, ки исми Ту бар ин хонае ки
ман бино кардам, хонда шудааст.
[44] Ҳангоме ки қавми Ту ба ҷанги зидди душмани худ, бо роҳе ки
Ту онҳоро фиристодаӣ, берун оянд, ва ба шаҳре ки Ту баргузидаӣ, ва
ба хонае ки ман ба исми Ту бино кардаам, руҷӯъ намуда, сӯи
Худованд дуо гӯянд, —
[45] Он гоҳ Ту аз осмон дуо ва истиғосаи онҳоро бишнав, ва дархости
онҳоро ба ҷо овар.

[46] Ҳангоме ки онҳо пеши Ту гуноҳ кунанд, — зеро касе нест, ки
гуноҳ накунад, — ва ту бар онҳо ғазаб карда, онҳоро ба душман
таслим намоӣ, ва асиркунандагонашон онҳоро ба замини душман, —
хоҳ наздик бошад хоҳ дур, — бибаранд;+
[47] Ва ҳангоме ки онҳо дар замине ки он ҷо асир бошанд, ба худ
омада тавба кунанд, ва дар замини асиркунандагони худ сӯи Ту
истиғоса намуда, гӯянд: „Мо гуноҳ карда ва осӣ шуда, рафтори
шарирона кардем“;+
[48] Ва ҳангоме ки онҳо дар замини душманонашон, ки онҳоро ба
асирӣ бурдаанд, бо тамоми дили худ ва бо тамоми ҷони худ сӯи Ту
баргарданд, ва ба замине ки Ту ба падаронашон додаӣ, ба шаҳре ки
Ту баргузидаӣ, ва ба хонае ки ман ба исми Ту бино кардаам, руҷӯъ
намуда, сӯи Ту дуо гӯянд, —+
[49] Он гоҳ Ту аз осмон, ки макони сукунати Туст, дуо ва истиғосаи
онҳоро бишнав, ва дархости онҳоро ба ҷо овар,
[50] Ва қавми Худро, ки пеши Ту гуноҳ кардаанд, афв намо, ва ҳамаи
маъсиятҳои онҳоро, ки пеши Ту ба амал овардаанд, биомурз, ва
нисбат ба онҳо дар дили асиркунандагонашон тараҳҳум ба вуҷуд
овар, то ки ба онҳо раҳм кунанд;+
[51] Зеро ки онҳо қавми Ту ва мероси Ту ҳастанд, ки онҳоро аз Миср,
аз даруни кӯраи оҳан берун овардаӣ,+
[52] То ки чашмони Ту ба истиғосаи бандаи Ту ва ба истиғосаи
қавми Ту Исроил воз бошад, ва Ту онҳоро, ҳар вақте ки сӯи Ту
бихонанд, бишнавӣ;
[53] Зеро ки Ту онҳоро аз миёни ҳамаи қавмҳои замин, барои Худ
ҳамчун мерос ҷудо кардаӣ, чунон ки ба воситаи бандаат Мусо сухан
рондӣ, вақте ки Ту, эй Худованд Худо, падарони моро аз Миср берун
овардӣ»+.

## Сулаймон қавмро баракат медиҳад.

[54] Ва чун Сулаймон гуфтани тамоми ин дуо ва истиғосаро назди
Худованд ба анҷом расонид, аз пеши қурбонгоҳи Худованд, аз он
ҳолате ки зону зада ва дастҳояшро сӯи осмон дароз карда буд,
бархост;+
[55] Ва истода, тамоми ҷамоати Исроилро бо овози баланд баракат
дод ва гуфт:

56 «Муборак аст Худованд, ки ба қавми Худ Исроил, мувофиқи ҳар
каломи Худ, оромӣ бахшидааст! Аз тамоми каломи неке ки Ӯ ба
воситаи бандаи Худ Мусо гуфта буд, як сухан ҳам зоеъ нарафтааст+.
57 Бигзор Худованд Худои мо бо мо бошад, чунон ки бо падарони
мо буд; бигзор моро тарк накунад ва напартояд,
58 Балки дилҳои моро сӯи Худ моил гардонад, то ки дар ҳамаи
роҳҳои Ӯ равона шавем ва фароизу аҳкому дастурҳои Ӯро, ки ба
падарони мо амр фармудааст, риоя намоем+.
59 Ва бигзор ин суханонам, ки бо онҳо ба ҳузури Худованд
истиғоса намудаам, рӯзу шаб ба Худованд Худои мо наздик бошад, то
ки Ӯ дархости бандаи Худ ва дархости қавми Худ Исроилро рӯз ба
рӯз ба ҷо оварад,
60 То ҳамаи қавмҳои замин бидонанд, ки Худованд Худост, ва
дигаре нест+.
61 Ва бигзор дили шумо бо Худованд Худои мо пур бошад, то ки
мувофиқи фароизи Ӯ рафтор намоед ва аҳкоми Ӯро мисли имрӯз ба
ҷо оваред».

62 •Ва подшоҳ ва тамоми Исроил ҳамроҳи ӯ барои Худованд
қурбонӣ карданд.
63 Ва Сулаймон ҳамчун қурбонии саломатӣ, ки барои Худованд
оварда буд, бисту ду ҳазор гов ва саду бист ҳазор гӯсфанд забҳ намуд;
ва подшоҳ ва тамоми банӣ-Исроил хонаи Худовандро тақдис
карданд.
64 Дар ҳамон рӯз подшоҳ миёнаи саҳнро, ки пеши хонаи Худованд
аст, тақдис намуд, чунки қурбониҳои сӯхтанӣ ва ҳадияҳои ордӣ ва
чарбуи қурбониҳои саломатиро дар он ҷо ба амал овард, зеро
қурбонгоҳи мисине ки ба ҳузури Худованд буд, барои гунҷонидани
қурбониҳои сӯхтанӣ ва ҳадияҳои ордӣ ва чарбуи қурбониҳои
саломатӣ хурдӣ кард+.
65 Ва Сулаймон дар он вақт ид кард, ва тамоми Исроил ҳамроҳи ӯ
буданд, ки ин ҷамоати бузург, аз даромадгоҳи Ҳамот то водии Миср,
ҳафт рӯз ва ҳафт рӯз, ҷамъ чордаҳ рӯз ба ҳузури Худованд Худои мо
буданд+.
66 Дар рӯзи ҳаштум ӯ қавмро фиристод, ва онҳо подшоҳро баракат
доданд, ва аз тамоми некие ки Худованд барои бандаи Худ Довуд ва

қавми Худ Исроил карда буд, хурсанд ва дилшод гардида, ба хаймаҳои худ рафтанд.

## Худованд бори дуюм ба Сулаймон зоҳир мешавад.

**9** 1 •Ва баъд аз он ки Сулаймон бино кардани хонаи Худованд ва
хонаи подшоҳро ба анҷом расонид, ва ҳар орзуи Сулаймон, ки
мехост ба ҷо оварад, муяссар гардид,
2 Худованд бори дуюм ба Сулаймон зоҳир шуд, чунон ки дар
Ҷибъӯн ба ӯ зоҳир шуда буд+.
3 Ва Худованд ба ӯ гуфт: «Дуои ту ва истиғосаи туро, ки ба ҳузури
Ман кардӣ, шунидам, ва ин хонаро, ки ту сохтӣ, то ки исми Ман то
абад бар он хонда шавад, тақдис намудам, ва чашмони Ман ва дили
Ман тамоми айём дар он хоҳад буд+.
4 Ва агар ту ба ҳузури Ман, чунон ки падарат Довуд рафтор
менамуд, бо дили соф ва аз рӯи виҷдон рафтор намуда, ҳар чиро, ки
Ман ба ту амр фармудаам, ба ҷо оварӣ ва фароизу аҳкоми Маро
нигоҳ дорӣ,+
5 Ман тахти салтанати туро бар Исроил то абад барқарор хоҳам
кард, чунон ки ба падарат Довуд сухан ронда, гуфтаам: „Аз ту касе ки
бар тахти Исроил биншинад, аз миён нахоҳад рафт“+.
6 Аммо агар шумо ва писарони шумо аз пайравии Ман рӯй
гардонида, аҳкому фароизеро, ки ба шумо додаам, риоя накунед, ва
рафта худоёни дигарро ибодат намоед ва ба онҳо саҷда баред,
7 Ман Исроилро аз рӯи замине ки ба онҳо додаам, маҳв хоҳам
кард, ва хонаеро, ки ба исми Худ тақдис намудаам, аз ҳузури Худ дур
хоҳам андохт, ва Исроил дар миёни ҳамаи қавмҳо зарбулмасал ва
хандахариш хоҳад шуд+.
8 Ва дар ҳаққи ин хона, ки олишукӯҳ аст, ҳар касе ки аз пеши он
бигзарад, аз харобии он дар ҳайрат монда ва ҳуштак зада, хоҳад гуфт:
„Аз чӣ сабаб Худованд ба ин замин ва ба ин хона чунин амал
намудааст?“+
9 Ва хоҳад гуфт: „Аз он сабаб, ки онҳо Худованд Худои худро, ки
падаронашонро аз замини Миср берун оварда буд, тарк карданд, ва
ба худоёни дигар часпида, онҳоро саҷда ва ибодат намуданд;
бинобар ин Худованд тамоми ин мусибатро ба сари онҳо
овардааст“».

## Ҷалол ва ҳикмати Сулаймон.

10 •Ва баъд аз гузаштани бист сол, ки дар ин муддат Сулаймон ду
хонаро — хонаи Худованд ва хонаи подшоҳро — бино кард,+
11 Ва Ҳиром, подшоҳи Сӯр, Сулаймонро бо чӯби дарахтони арз ва
дарахтони сарв ва бо тилло, мувофиқи дилхоҳи ӯ, таъмин намуд, —
он гоҳ подшоҳ Сулаймон бист шаҳрро дар замини Ҷалил ба Ҳиром
дод.
12 Ва Ҳиром барои дидани шаҳрҳое ки Сулаймон ба ӯ дода буд, аз
Сӯр берун омад, валекин онҳо ба назараш писанд наафтод.
13 Ва гуфт: «Ин чӣ шаҳрҳост, ки ту, эй бародарам, ба ман додаӣ?»
Ва онҳоро замини Ковул номид, ки то имрӯз чунин ном дорад.
14 Ва Ҳиром ба подшоҳ саду бист киккар тилло фиристода буд.
15 Ва ин аст нақли ӯҳдадорие ки подшоҳ Сулаймон барои бино
кардани хонаи Худованд, ва хонаи худаш, ва Миллӯ, ва ҳисори
Ерусалим, ва Ҳосӯр, ва Маҷиддӯ ва Ҷозар ҷорӣ карда буд:+
16 Фиръавн, подшоҳи Миср, пеш аз ин баромада, Ҷозарро забт
намуда буд, ва онро бо оташ сӯзонид, ва канъониёнро, ки дар шаҳр
сукунат доштанд, кушт, ва онро ба духтари худ, ки зани Сулаймон
буд, маҳр дод+.
17 Ва Сулаймон Ҷозар ва Байт-Ҳӯрӯни поёнро бино кард;+
18 Ва низ Баалот ва Тадмӯрро дар биёбони мамлакат;
19 Ва низ ҳамаи шаҳрҳоро, ки Сулаймон барои захираҳо дошт, ва
ҳамаи шаҳрҳои аробаҳо ва ҳамаи шаҳрҳои саворонро, ва ҳар он чиро,
ки Сулаймон орзу дошт, ки дар Ерусалим ва дар Лубнон ва дар
тамоми замини қаламрави худ бино кунад+.
20 Тамоми қавме ки аз амӯриён, ҳиттиён, фариззиён, ҳиввиён ва
ябусиён боқӣ монда буданд, онҳое ки аз банӣ-Исроил набуданд,
21 Яъне фарзандони онҳо, ки баъд аз онҳо дар замин боқӣ монда
буданд, ва онҳоро банӣ-Исроил натавониста буданд маҳв намоянд, —
ба зиммаи онҳо Сулаймон ӯҳдадории меҳнатӣ гузошт, ки то имрӯз
чунин аст.
22 Валекин аз банӣ-Исроил Сулаймон ба зиммаи касе ӯҳдадории
меҳнатӣ нагузошт, зеро ки онҳо ҷанговарон ва навкарони ӯ, ва
мирони ӯ, ва саркардагони ӯ, ва сардорони аробаҳо ва саворони ӯ
буданд+.

[23] Инҳоянд сарнозироне ки бар корҳои Сулаймон буданд:
панҷсаду панҷоҳ нафар ба мардуми иҷрокунандаи корҳо сардорӣ
мекарданд.
[24] Ҳамин ки духтари фиръавн аз шаҳри Довуд ба хонаи худ, ки
онро ӯ барои вай бино карда буд, гузашт, он гоҳ ӯ Миллӯро бино
намуд+.
[25] Ва Сулаймон ҳар сол се дафъа қурбониҳои сӯхтанӣ ва
қурбониҳои саломатӣ бар қурбонгоҳе ки барои Худованд бино карда
буд, мебаровард, ва бар мазбаҳе ки пеши Худованд буд, бухур
месӯзонид; ва ибодати хонаро бо ҳамин мукаммал намуд.
[26] Ва подшоҳ Сулаймон дар Эсьюн-Ҷобар, ки дар Элӯт, бар соҳили
баҳри Қулзум, дар замини Адӯм аст, киштиҳо сохт+.
[27] Ва Ҳиром навкарони худро, ки маллоҳ буда, дарьёгардиро
медонистанд, дар киштиҳо ҳамроҳи навкарони Сулаймон
фиристод+.
[28] Ва онҳо ба Ӯфир рафтанд, ва аз он ҷо чорсаду бист киккар тилло
гирифта, ба подшоҳ Сулаймон оварданд+.

## Сулаймон ва маликаи Сабо.

10 [1] •Ва маликаи Сабо овозаи Сулаймонро оид ба исми
Худованд шунида, омад, то ки ӯро бо муаммоҳо имтиҳон
кунад+.
[2] Ва бо аҳли рикоби зиёде ба Ерусалим омад, ки бар шутурони
онҳо атриёт, ва тиллои бағоят зиёд, ва сангҳои гаронбаҳо бор карда
шуда буд; ва назди Сулаймон омада, бо ӯ аз ҳар чи дар дилаш буд,
гуфтугӯ кард+.
[3] Ва Сулаймон ҳамаи суханони варо ба вай баён намуд, ва чизе аз
подшоҳ пӯшида намонд, ки ба вай баён накарда бошад.
[4] Ва чун маликаи Сабо тамоми ҳикмати Сулаймонро дид, ва низ
хонаеро, ки ӯ бино карда буд,
[5] Ва таомҳои суфраи ӯро, ва шинухези навкарони ӯро, ва рафтори
хизматгорони ӯро, ва либосҳои онҳоро, ва соқиёни ӯро, ва
ҳашаматеро, ки ӯ бо он ба хонаи Худованд мебаромад, — вай
тамоман моту мабҳут гардид,
[6] Ва ба подшоҳ гуфт: «Он сухане ки ман дар кишвари худ дар
бораи корҳо ва ҳикмати ту шунидаам, рост будааст.
[7] Вале ман ба суханон бовар накарда будам, то даме ки омада, бо
чашмони худ дидам; ва инак, нисфаш ба ман маълум нашуда
будааст: ҳикмат ва ҷалоли ту аз овозае ки ман шунида будам, бештар
аст.
[8] Хушо одамони ту, хушо ин навкарони ту, ки ба ҳузури ту ҳамеша
меистанд ва ҳикмати туро мешунаванд!
[9] Муборак аст Худованд Худои ту, ки бар ту таваҷҷӯҳ намуда, туро
бар тахти Исроил нишонидааст! Азбаски Худованд Исроилро ба
сурати абадӣ дӯст медорад, Ӯ туро ба подшоҳӣ таъин намудааст, то
ки доварӣ ва адолатро ба амал оварӣ»+.
[10] Ва ба подшоҳ саду бист киккар тилло, ва атриёти бағоят зиёде,
ва сангҳои гаронбаҳо инъом кард; он қадар атриёти зиёд, ки маликаи
Сабо ба подшоҳ Сулаймон инъом кард, ҳаргиз оварда нашуда буд.
[11] Ва киштиҳои Ҳиром низ, ки тилло аз Ӯфир оварда буданд,
бағоят бисьёр чӯби сандал ва сангҳои гаронбаҳо оварданд+.

12 Ва подшоҳ аз ин чӯби сандал нардаҳо барои хонаи Худованд ва
хонаи подшоҳ, ва барбатҳо ва удҳо барои муғанниён сохт; ин қадар
чӯби сандал ҳаргиз оварда ва дида нашуда буд.
13 Ва подшоҳ Сулаймон ба маликаи Сабо ҳар чизи дилхоҳи варо,
ки талабида буд, дод, ба замми он чи ба вай аз рӯи ҳиммати подшоҳ
Сулаймон инъом карда буд. Ва вай бо навкаронаш рӯ ба ҷониби
кишвари худ ниҳода, равона шуд.

## Даромадҳо ва шукӯҳи дарбори Сулаймон.

14 •Ва вазни тиллое ки дар як сол назди Сулаймон меомад,
шашсаду шасту шаш киккар тилло буд,
15 Илова бар он чи аз бозаргонон, ва аз тиҷорати савдогарон, ва аз
ҳамаи подшоҳони Арабистон, ва аз ҳокимони вилоятҳо мерасид.
16 Ва подшоҳ Сулаймон дусад сипари калон аз тиллои кӯфта сохт,
ки барои ҳар сипар шашсад сиқл тилло сарф шуд,
17 Ва сесад сипари хурд аз тиллои кӯфта сохт, ки барои ҳар сипар
се моне* тилло сарф шуд; ва подшоҳ онҳоро дар хонаи Ҷангали
Лубнон гузошт+.
18 Ва подшоҳ тахти калоне аз оҷ сохт, ва онро бо зари холис
пӯшонид.
19 Тахт шаш зинапоя дошт, ва сари тахт аз пушташ доирашакл буд,
ва нишемангоҳаш аз ду тараф дастмонакҳо дошт, ва ду шер аз паҳлуи
дастмонакҳо меистод.
20 Ва дувоздаҳ шер дар он ҷо бар шаш зинапоя аз ду тараф меистод;
дар ягон мамлакат мисли он сохта нашуда буд.
21 Ва ҳамаи зарфҳои нӯшидании подшоҳ Сулаймон аз тилло буд,
ва ҳамаи зарфҳои хонаи Ҷангали Лубнон аз зари холис буд; ҳеҷ чиз
аз нуқра набуд, чунки он дар айёми Сулаймон ҳеҷ қимате надошт+.
22 Зеро ки киштиҳои таршишии подшоҳ дар баҳр бо киштиҳои
Ҳиром буд; дар се сол як дафъа киштиҳои таршишӣ омада, тилло ва
нуқра, оҷ ва маймунҳо ва товусҳо меоварданд+.
23 Ва подшоҳ Сулаймон аз ҷиҳати сарват ва ҳикмат аз ҳамаи
подшоҳони рӯи замин бузургтар гардид+.
24 Ва тамоми аҳли замин толиби дидори Сулаймон буданд, то
ҳикматеро, ки Худо дар дили ӯ ниҳода буд, бишнаванд+.

[25] Ва онҳо ҳар яке ҳадияи худро: колои нуқра, ва колои тилло, ва
либос, ва аслиҳа, ва атриёт, ва аспон, ва хачирон сол ба сол
меоварданд.
[26] Ва Сулаймон аробаҳо ва саворон ҷамъ кард: ӯ ҳазору чорсад
ароба ва дувоздаҳ ҳазор савор дошт; ва ӯ онҳоро дар шаҳрҳои ароба
ва назди подшоҳ дар Ерусалим ҷойгир кард+.
[27] Ва подшоҳ нуқраро дар Ерусалим ба сангҳои кӯча баробар
гардонид, ва чӯби арзро ба чӯби ҷумиз, ки дар пастӣ бисьёр мерӯяд,
баробар сохт.
[28] Ва аспонро барои Сулаймон аз Миср ва аз Қаве меоварданд:
тоҷирони подшоҳ онҳоро аз Қаве ба баҳои муайян мехариданд+.
[29] Ва як ароба аз Миср ба баҳои шашсад сиқл нукра харида ва
берун оварда мешуд, ва як асп — ба баҳои саду панҷоҳ сиқл; ва
ҳамчунин барои ҳамаи подшоҳони ҳиттиён ва подшоҳони арамиён
ба воситаи онҳо меоварданд.

## Сулаймон Худоро фаромӯш мекунад.

11 [1] Ва подшоҳ Сулаймон, ғайр аз духтари фиръавн, бисьёр
занони аҷнабиро аз мӯобиён, аммӯниён, адӯмиён, сидӯниён,
ҳиттиён дӯст медошт, —
[2] Аз халқҳое ки Худо дар бораи онҳо ба банӣ-Исроил гуфта буд:
«Ба онҳо духтарони худро ба шавҳар надиҳед, ва духтаронашонро ба
занӣ нагиред, ки яқинан дили шуморо ба худоёни худ моил хоҳанд
кард». Вале Сулаймон ба духтарони онҳо бо муҳаббат часпид+.
[3] Ва ӯ ҳафтсад зани бону ва сесад суррия дошт; ва занонаш дили
ӯро фосид карданд.
[4] Ва дар вақти пирии Сулаймон чунин воқеъ шуд, ки занонаш
дили ӯро ба худоёни дигар моил карданд, ва дили ӯ, мисли дили
падараш Довуд, ба Худованд Худояш амин набуд+.
[5] Ва Сулаймон Аштора, худои сидӯниён, ва Милкӯм, бути зишти
аммӯниёнро пайравӣ намуд+.
[6] Ва Сулаймон дар назари Худованд кори бад карда, мисли
падараш Довуд Худовандро пурра пайравӣ нанамуд.
[7] Он гоҳ Сулаймон бар кӯҳе ки рӯ ба рӯи Ерусалим аст, ибодатгоҳе
барои Камуш, бути зишти Мӯоб, ва барои Мӯлик, бути зишти банӣ-
Аммӯн, бино кард+.
[8] Ва ҳамчунин барои ҳамаи занони аҷнабии худ, ки ба
худоёнашон бухур месӯзониданд ва қурбонӣ мекарданд, амал намуд.
[9] Ва Худованд ба Сулаймон ғазаб кард, аз он сабаб ки дилаш аз
Худованд Худои Исроил гаштааст, ки Ӯ ду карат бар вай зохир
гардида,+
[10] Ба вай дар ин хусус амр фармуда буд, ки худоёни дигарро
пайравӣ нанамояд; валекин ӯ фармудаи Худовандро риоя накард+.
[11] Ва Худованд ба Сулаймон гуфт: «Азбаски ту чунин рафтор
намудӣ, ва аҳд ва фароизи Маро, ки ба ту амр фармудаам, риоя
накардӣ, Ман мамлакатро аз ту пора карда гирифта, онро ба навкари
ту хоҳам дод+.
[12] Аммо дар айёми ту инро ба хотири падарат Довуд ба амал
нахоҳам овард, балки аз дасти писарат пора карда хоҳам гирифт.
[13] Вале тамоми мамлакатро пора карда нахоҳам гирифт: як
сибтро, ба хотири бандаам Довуд ва ба хотири Ерусалим, ки

баргузидаам, ба писари ту хоҳам дод»+.
[14] Ва Худованд душманеро ба мукобили Сулаймон бархезонид, яъне Ҳадади адӯмиро, ки аз насли подшоҳи Адӯм буд.
[15] Ҳангоме ки Довуд дар Адӯм буд, ва сарлашкараш Юоб барои дафн кардани мақтулон омада, тамоми наринаи Адӯмро кушта буд, —+
[16] Зеро Юоб ва тамоми Исроил шаш моҳ дар он ҷо истода буданд, то даме ки тамоми наринаи Адӯмро маҳв карданд, —
[17] Он гоҳ Ҳадад бо баъзе касони адӯмӣ, ки аз навкарони падараш буданд, гурехта ба Миср омад; ва Ҳадад кӯдаки хурде буд.
[18] Онҳо аз Мидьён бархоста, ба Форон омаданд, ва баъзе касонро аз Форон ҳамроҳи худ гирифта, ба Миср назди фиръавн, подшоҳи Миср, омаданд, ки вай ба ӯ хона дод, ва нафақа барояш таъин намуд, ва замине ба ӯ дод+.
[19] Ва Ҳадад дар назари фиръавн бағоят илтифот пайдо кард, ба тавре ки вай хоҳари зани худро, яъне хоҳари Таҳфаниси маликаро ба ӯ ба занӣ дод.
[20] Ва хоҳари Таҳфанис барои ӯ писараш Ҷанубатро зоид, ва Таҳфанис варо андаруни хонаи фиръавн тарбия кард; ва Ҷанубат дар хонаи фиръавн, дар миёни писарони фиръавн буд.
[21] Ва Ҳадад дар Миср шунид, ки Довуд бо падарони худ хобидааст, ва сарлашкараш Юоб мурдааст; ва Ҳадад ба фиръавн гуфт: «Маро изн бидеҳ, то ки ба замини худ биравам».
[22] Фиръавн ба вай гуфт: «Оё ту назди ман ба чизе эҳтиёҷ дорӣ, ки мехоҳӣ ба замини худ биравӣ?» Вай гуфт: «Не, аммо ба ман изн бидеҳ».
[23] Ва Худо душмани дигарро ба муқобили Сулаймон бархезонид, яъне Разӯн ибни Эльёдоъро, ки вай аз пеши оғои худ, Ҳададозар подшоҳи Сӯбо, гурехта буд+.
[24] Ва баъд аз он ки Довуд онҳоро кушт, вай назди худ одам ҷамъ карда, сардори фавҷе гардид; ва онҳо ба Димишқ рафта, дар он сокин шуданд, ва дар Димишқ салтанат ронданд+.
[25] Ва дар тамоми айёми Сулаймон вай душмани Исроил буд ва, илова бар зараре ки Ҳадад мерасонид, вай ба зидди Исроил ҷиноят мекард, ва бар Арам салтанат меронд.

## Шӯриши Ёробъом.

26 Ва Ёробъом ибни Наботи эфроимӣ, аз Саредо, ки модараш Саруо
ном бевазане, ва худаш навкари Сулаймон буд, дасти таҷовуз бар
подшоҳ бардошт.
27 Чунин аст достони он ки ӯ дасти таҷовуз бар подшоҳ бардошт:
Сулаймон Миллӯро бино карда, рахнаеро, ки дар шаҳри падараш
Довуд буд, таъмир менамуд+.
28 Ва Ёробъом марди ҷанговари паҳлавоне буд; ва Сулаймон чун
дид, ки ин ҷавон аз ӯҳдаи кор мебарояд, ӯро бар тамоми коргарони
хонадони Юсуф назоратчӣ таъин намуд.
29 Ва дар он вақт чунин воқеъ шуд, ки Ёробъом аз Ерусалим берун
омад, ва Аҳиёи шилӯнии набӣ, ки ҷомаи нав дар бар дошт, дар роҳ бо
ӯ вохӯрд, ва ҳар дуяшон дар саҳро танҳо буданд+.
30 Ва Аҳиё ҷомаи наверо, ки дар бар дошт, гирифта, онро ба
дувоздаҳ қисм пора кард+.
31 Ва ба Ёробъом гуфт: «Даҳ қисмашро барои худ бигир, зеро ки
Худованд Худои Исроил чунин мегӯяд: „Инак, Ман мамлакатро аз
дасти Сулаймон пора карда мегирам, ва даҳ сибтро ба ту медиҳам;+
32 Ва як сибт аз они вай хоҳад буд, ба хотири бандаам Довуд ва ба
хотири Ерусалим, — шаҳре ки онро аз миёни ҳамаи сибтҳои Исроил
баргузидаам;
33 Чунки онҳо Маро тарк карда, ба Аштора, худои сидӯниён, ба
Камуш, худои мӯобиён, ва ба Милкӯм, худои банӣ-Аммӯн, саҷда
бурданд, ва бо роҳҳои Ман рафтор накарданд, то он чиро, ки дар
назари Ман рост аст, ба ҷо оваранд, ва фароизу аҳкоми Маро мисли
падараш Довуд риоя намоянд+.
34 Вале тамоми мамлакатро аз дасти вай нахоҳам гирифт, балки ба
хотири бандаам Довуд, ки ӯро баргузидам, ва ӯ аҳкому фароизи Маро
ба ҷо овард, Ман варо дар тамоми айёми ҳаёташ раис хоҳам кард;
35 Ва салтанатро аз дасти писараш хоҳам гирифт, ва даҳ сибтро ба
ту хоҳам дод,
36 Ва ба писараш як сибтро хоҳам дод, то ки барои бандаам Довуд
чароғе тамоми айём дар ҳузури Ман дар Ерусалим бошад, — дар
шаҳре ки барои Худ баргузидаам, то ки исми Худро дар он ҷойгир
созам+.

37 Ва туро Ман ихтиёр хоҳам кард, ва ту мувофиқи ҳар орзуе ки
дар дилат бошад, салтанат хоҳӣ ронд, ва бар Исроил подшоҳ хоҳӣ
шуд.
38 Ва агар ту ба ҳар фармудаи Ман гӯш диҳӣ, ва бо роҳҳои Ман
рафтор карда, он чиро, ки дар назари Ман рост аст, ба амал оварӣ, ва
фароизу аҳкоми Маро риоя намоӣ, чунон ки бандаам Довуд амал
мекард, он гоҳ Ман бо ту хоҳам буд, ва хонаи мустаҳкаме барои ту
бино хоҳам кард, чунон ки барои Довуд бино кардам, ва Исроилро ба
ту хоҳам дод+.
39 Ва насли Довудро ба ин сабаб ба залолат дучор хоҳам кард,
аммо на ба сурати абадӣ“».
40 Ва Сулаймон мехост Ёробъомро ба қатл расонад, вале Ёробъом
бархоста, ба Миср назди Шишак, подшоҳи Миср, гурехт, ва то фавти
Сулаймон дар Миср буд+.

## Фавти Сулаймон.

41 •Ва бақияи аъмоли Сулаймон, ва ҳар чи ӯ кард, ва ҳикмати ӯ дар
китоби вақоеъномаи Сулаймон навишта шудааст.
42 Ва айёме ки Сулаймон дар Ерусалим бар тамоми Исроил
подшоҳӣ кард, чил сол буд.
43 Ва Сулаймон бо падарони худ ҳобид, ва дар шаҳри падараш
Довуд дафн карда шуд; ва писараш Раҳабъом ба ҷои ӯ подшоҳ шуд.

## Подшоҳии Раҳабъом.

12 [1] •Ва Раҳабъом ба Шакем рафт, зеро ки тамоми Исроил ба
Шакем омаданд, то ки ӯро подшоҳ кунанд+.
[2] Ва ҳангоме ки Ёробъом ибни Набот инро шунид, ӯ ҳанӯз дар
Миср буд, ки ба он ҷо аз пеши подшоҳ Сулаймон гурехта буд; ва
Ёробъом дар Миср сукунат дошт+.
[3] Ва фиристода, ӯро хонданд; ва Ёробъом ва тамоми ҷамоати
Исроил омаданд,ва ба Раҳабъом сухан ронда, гуфтанд:
[4] «Падарат юғи моро гарон карда буд, вале ту алҳол хизмати сахти
падарат ва юғи гарони варо, ки бар мо ниҳода буд, сабук гардон, ва
мо хизмати туро ба ҷо хоҳем овард»+.
[5] Ба онҳо гуфт: «Биравед ва баъд аз се рӯз назди ман биёед». Ва
қавм рафтанд.
[6] Ва подшоҳ Раҳабъом ба пироне ки ба ҳузури падараш Сулаймон,
дар вақти зинда будани вай, меистоданд, машварат пурсида, гуфт:
«Шумо чӣ маслиҳат медиҳед, то ки ба ин қавм ҷавоб гардонам?»
[7] Ва онҳо ба ӯ сухан ронда, гуфтанд: «Агар ту имрӯз хизматгори ин
қавм гардӣ, ва хизмати онҳоро ба ҷо оварӣ, ва бо ҷавобат онҳоро
қонеъ гардонӣ, ва ба онҳо суханони нек гӯӣ, онҳо тамоми айём
бандагони ту хоҳанд буд».
[8] Вале ӯ машваратеро, ки пирон ба ӯ доданд, рад намуд, ва аз
ҷавононе ки бо ӯ калон шуда буданд ва ба ҳузураш меистоданд,
машварат пурсид,
[9] Ва ба онҳо гуфт: «Шумо чӣ маслиҳат медиҳед, то ки ба ин қавм
чавоб гардонам, ки онҳо ба ман сухан ронда, гуфтаанд: „Юғеро, ки
падарат бар мо ниҳода буд, сабук гардон“?»
[10] Ва он ҷавонон, ки бо ӯ калон шуда буданд, ба ӯ сухан ронда,
гуфтанд: «Ба ин қавм, ки ба ту сухан ронда, гуфтаанд: „Падарат юғи
моро гарон карда буд, вале ту онро барои мо сабук гардон“, — ту ба
онҳо чунин бигӯ: „Ангушти хурди ман аз камари падарам ғафстар
аст;
[11] Ва алҳол, падарам юғи гароне бар шумо ниҳода буд, вале ман
юғи шуморо боз ҳам гаронтар хоҳам кард; падарам шуморо бо

тозиёнаҳо ҷазо медод, вале ман шуморо бо нешҳои каждум ҷазо хоҳам дод“».
12 Ва Ёробъом ва тамоми қавм дар рӯзи сеюм назди Раҳабъом
омаданд, чунон ки подшоҳ сухан ронда, гуфта буд: «Дар рӯзи сеюм
назди ман биёед».
13 Ва подшоҳ ба қавм ҷавоби сахт гардонид, ва машваратеро, ки
пирон ба ӯ дода буданд, рад кард,+
14 Ва бар тибқи машварати ҷавонон ба онҳо гуфт: «Падарам юғи
шуморо гарон карда буд, вале ман юғи шуморо боз ҳам гаронтар
хоҳам кард; падарам шуморо бо тозиёнаҳо ҷазо медод, вале ман
шуморо бо нешҳои каждум ҷазо хоҳам дод».
15 Ва подшоҳ ба қавм гӯш надод, зеро ки ин аз ҷониби Худованд
насиб шуда буд, то каломеро, ки Худованд ба воситаи Аҳиёи шилӯнӣ
ба Ёробъом ибни Набот гуфта буд, ба амал оварад+.

## Ду тақсим шудани мамлакат. Ёробъом бар Исроил подшоҳ мегардад.

16 Ва тамоми Исроил диданд, ки подшоҳ ба онҳо гӯш надод; ва
қавм ба подшоҳ чавоб гардонида, гуфтанд:
«На ҳиссаест моро дар Довуд,
ва на меросе дар писари Йисой!
Эй Исроил, ба хаймаҳои худ биравед!
Эй Довуд, акнун хонаи худро бидон!»
Ва Исроил ба хаймаҳои худ рафтанд+.
17 Вале бар он банӣ-Исроил, ки дар шаҳрҳои Яҳудо сукунат
доштанд, Раҳабъом подшоҳӣ мекард.
18 Ва подшоҳ Раҳабъом Адӯромро, ки сардори боҷу хироҷ буд,
фиристод, вале тамоми Исроил ӯро сангборон карданд, ва ӯ мурд; ва
подшоҳ Раҳабъом шитобон ба ароба савор шуд, то ки ба Ерусалим
бигрезад+.
19 Ва Исроил ба зидди хонадони Довуд балво карданд, ки то имрӯз
давом дорад.
20 Ва чун тамоми Исроил шуниданд, ки Ёробъом баргаштааст,
фиристода ӯро назди ҷамоат хонданд, ва ӯро бар тамоми Исроил
подшоҳ карданд; хонадони Довудро ҳеҷ кас, ғайр аз сибти Яҳудо,
тарафдорӣ накард+.

21 Ва Раҳабъом ба Ерусалим омада, аз тамоми хонадони Яҳудо ва
аз сибти Биньёмин саду ҳаштод ҳазор нафар ҷанговарони гузинро
ҷамъ овард, то ки бо хонадони Исроил ҷанг карда, салтанатро ба
Раҳабъом ибни Сулаймон баргардонад.
22 Ва каломи Худо бар Шамаъё, марди Худо, нозил шуда, гуфт:+
23 «Ба Раҳабъом ибни Сулаймон, подшоҳи Яҳудо, ва ба тамоми
хонадони Яҳудо ва Биньёмин ва ба бақияи қавм сухан ронда, бигӯй:
24 Худованд чунин мегӯяд: „Набароед ва бо бародарони худ, банӣ-
Исроил, ҷанг накунед! Ҳар яке ба хонаи худ баргардед, зеро ки ин аз
ҷониби Ман шудааст“». Ва онҳо ба каломи Худованд гӯш доданд, ва
бар тибқи каломи Худованд гашта рафтанд.

## Ёробъом ба бутпарастӣ дода мешавад.

25 Ва Ёробъом Шакемро дар кӯҳи Эфроим бино карда, дар он сокин
шуд; ва аз он ҷо баромада, Фануилро бино кард+.
26 Ва Ёробъом дар дили худ гуфт: «Алҳол салтанат ба хонадони
Довуд хоҳад баргашт;
27 Агар ин қавм ба Ерусалим бираванд, то ки дар хонаи Худованд
қурбонӣ кунанд, он гоҳ дили ин қавм ба оғои онҳо, ба Раҳабъом,
подшоҳи Яҳудо, руҷӯъ хоҳад намуд, ва онҳо маро кушта, ба
Раҳабъом, подшоҳи Яҳудо, хоҳанд баргашт»+.
28 Ва подшоҳ машварат намуда, ду гӯсолаи тилло сохт. Ва ба онҳо
гуфт: «Ба Ерусалим рафтанатон бас аст! Инак худоёни шумо, эй
Исроил, ки шуморо аз замини Миср берун овардаанд»+.
29 Ва якеро дар Байт-Ил гузошт, ва дигареро дар Дон ҷой дод.
30 Ва ин боиси гуноҳ гардид, ва қавм пеши яке аз онҳо то Дон
мерафтанд.
31 Ва ибодатхонаҳо бар баландиҳо сохт, ва аз ҳар табақаи қавм, ки
аз банӣ-Левӣ набуданд, коҳинонро таъин намуд.
32 Ва Ёробъом иде дар моҳи ҳаштум, дар рӯзи понздаҳуми моҳ,
монанди иде ки дар Яҳудо буд, муқаррар намуд, ва назди он
қурбонгоҳ рафт, — дар Байт-Ил ҳамин тавр амал кард, — то барои
гӯсолаҳое ки сохта буд, қурбонӣ кунад; ва дар Байт-Ил коҳинони
ибодатгоҳеро, ки сохта буд, таъин намуд;
33 Ва дар рӯзи понздаҳуми моҳи ҳаштум, — моҳе ки аз хаёли худ
бофта бароварда буд, — назди қурбонгоҳе ки дар Байт-Ил сохта буд,

рафт; ва иде барои банӣ-Исроил барпо намуд, ва назди қурбонгоҳ омад, то ки бухур бисӯзонад.

## Набие аз Яҳудо бутпарастиро мазаммат намуда, Ёробъомро сарзаниш мекунад.

**13** 1 Ва инак, марди Худо бар тибқи каломи Худованд аз Яҳудо ба Байт-Ил омад, ва Ёробъом назди қурбонгоҳ истода буд, то ки бухур бисӯзонад+.

2 Ва бар тибқи каломи Худованд вай ба қурбонгоҳ муроҷиат намуда, гуфт: «Эй қурбонгоҳ, қурбонгоҳ! Худованд чунин мегӯяд: „Инак, писаре дар хонадони Довуд таваллуд меёбад, ки Йӯшиёҳу ном дорад; ва ӯ коҳинони баландиҳоро, ки бар ту бухур месӯзонанд, бар ту забҳ хоҳад кард, ва устухонҳои одамро бар ту хоҳанд сӯзонид“»+.

3 Ва дар он рӯз вай аломате нишон дода, гуфт: «Ин аст аломати он ки инро Худованд гуфтааст: „Инак, ин қурбонгоҳ аз ҳам ҷудо шуда, хокистаре ки бар он аст, пошида хоҳад шуд“».

4 Ва ҳангоме ки подшоҳ сухани марди Худоро шунид, ки вай ба қурбонгоҳи Байт-Ил муроҷиат намуда мегуфт, Ёробъом дасти худро аз болои қурбонгоҳ дароз карда, гуфт: «Варо дастгир кунед!» Ва дасти ӯ, ки сӯи вай дароз карда буд, хушк шуд, ва ӯ натавонист онро ба тарафи худ баргардонад.

5 Ва қурбонгоҳ аз ҳам чудо шуда, хокистар аз болои қурбонгоҳ пошида шуд, ҳамчун аломате ки марди Худо бар тибқи каломи Худованд нишон дода буд.

6 Ва подшоҳ ба марди Худо сухан ронда, гуфт: «Лутфан, пеши Худованд Худои худ тазаррӯъ намо ва барои ман дуо гӯй, то ки дасти ман ба тарафи ман баргардад». Ва марди Худо пеши Худованд тазаррӯъ намуд, ва дасти подшоҳ ба тарафи вай баргашт ва мисли пештара шуд+.

7 Ва подшоҳ ба марди Худо гуфт: «Бо ман ба хона биё ва хӯроке бихӯр, ва ман ба ту инъом хоҳам дод».

8 Валекин марди Худо ба подшоҳ гуфт: «Агар ту нисфи хонаи худро ба ман бидиҳӣ, бо ту нахоҳам рафт, ва дар ин макон на нон хоҳам хӯрд, ва на об хоҳам нӯшид+.

9 Зеро ки ба ман бар тибқи каломи Худованд чунин амр фармуда ва гуфта шудааст: „Нон нахӯр, ва об нанӯш, ва бо роҳе ки омадаӣ, барнагард“».

10 Ва ӯ бо роҳи дигаре рафт, ва бо роҳе ки ба Байт-Ил омада буд, барнагашт.

## Беитоатӣ ва фавти марди Худо.

11 Ва набии пиронсоле дар Байт-Ил сокин буд; ва писаронаш омада, ҳар кореро, ки марди Худо он рӯз дар Байт-Ил карда буд, ба ӯ ҳикоят намуданд, ва суханонеро, ки вай ба подшоҳ гуфта буд, ба падари худ нақл карданд.

12 Ва падарашон ба онҳо гуфт: «Бо кадом роҳ вай рафт?» Ва писаронаш дида буданд, ки он марди Худо, ки аз Яҳудо омада буд, бо кадом роҳ рафт.

13 Ва ӯ ба писаронаш гуфт: «Барои ман харро зин кунед». Ва онҳо барои ӯ харро зин карданд, ва ӯ бар он савор шуд;

14 Ва аз паи марди Худо рафта, варо зери дарахти писта нишаста ёфт, ва ба вай гуфт: «Оё ту он марди Худо ҳастӣ, ки аз Яҳудо омадаӣ?» Вай гуфт: «Ман ҳастам».

15 Ва ба вай гуфт: «Бо ман ба хона биё, ва нон бихӯр».

16 Вале вай гуфт: «Ман наметавонам бо ту баргардам ва назди ту биравам; ва дар ин макон бо ту нон нахоҳам хӯрд, ва об нахоҳам нӯшид;

17 Зеро ки ба ман бар тибқи каломи Худованд гуфта шудааст: „Дар он ҷо нон нахӯр, ва об нанӯш, ва бо роҳе ки омадаӣ, барнагард“».

18 Ва ӯ ба вай гуфт: «Ман низ набие мисли ту ҳастам, ва фариштае бар тибқи каломи Худованд ба ман сухан ронда, гуфт: „Варо бо худ ба хонаат баргардон, то ки вай нон бихӯрад ва об бинӯшад“». Аммо ӯ ба вай дурӯғ гуфт.

19 Вай бо ӯ баргашта, дар хонаи ӯ нон хӯрд, ва об нӯшид.

20 Ва ҳангоме ки онҳо назди миз нишаста буданд, каломи Худованд бар набие ки варо баргардонида буд, нозил шуд,

21 Ва ӯ ба марди Худо, ки аз Яҳудо омада буд, муроҷиат намуда, гуфт: «Худованд чунин мегӯяд: „Азбаски аз иҷрои каломи Худованд сар тофтӣ, ва амреро, ки Худованд Худои ту ба ту фармуда буд, риоя нанамудӣ,

22 Балки баргашта, дар макone ки дар бораи он Ӯ ба ту гуфта буд: «Нон нахӯр ва об нанӯш», ту нон хӯрдӣ ва об нӯшидӣ, бинобар ин ҷасади ту ба мақбараи падаронат дохил нахоҳад шуд“».

[23] Ва баъд аз он ки вай нон хӯрд ва об нӯшид, харро барои вай зин
кард, яъне барои набие ки баргардонида буд.
[24] Ва ҳангоме ки вай рафт, шере варо дар роҳ ёфта, кушт; ва ҷасади
вай дар сари роҳ партофта шуда буд, ва хар назди он меистод, ва шер
назди ҷасад меистод+.
[25] Ва инак, одамоне ки мегузаштанд, диданд, ки ҷасаде дар сари
роҳ партофта шудааст, ва шере назди ҷасад истодааст; ва онҳо омада,
дар шаҳре ки набии пиронсол дар он сокин буд, ҳикоят карданд.
[26] Ва набие ки варо аз роҳ баргардонида буд, инро шунида, гуфт:
«Ин ҳамон марди Худост, ки аз иҷрои каломи Худо сар тофт, ва
Худованд варо ба шер супурдааст, ва он варо бар тибқи каломи
Худованд, ки ба ӯ гуфта буд, куштааст».
[27] Ва ӯ ба писаронаш сухан ронда, гуфт: «Барои ман харро зин
кунед». Ва онҳо онро зин карданд.
[28] Ва ӯ рафта, ҷасади варо ёфт, ки дар сари роҳ партофта шуда буд,
ва хар ва шер назди часад меистоданд; шер ҷасадро нахӯрда буд, ва
харро надарида буд.
[29] Ва набӣ ҷасади марди Худоро бардошта болои хар гузошт ва
гардонида бурд; ва набии пиронсол ба шаҳр омад, то ки мотам
гирифта, варо дафн кунад.
[30] Ва ӯ ҷасади варо дар мақбараи худ гузошт; ва барои вай мотам
гирифта, гуфтанд: «Эй вой бародарам!»
[31] Ва баъд аз он ки варо дафн кард, ба писаронаш сухан ронда,
гуфт: «Вақте ки бимирам, маро дар мақбарае ки марди Худо дар он
дафн шудааст, дафн кунед, устухонҳоямро назди устухонҳои вай
бимонед;
[32] Зеро сухане ки вай дар бораи қурбонгоҳи Байт-Ил ва дар бораи
ҳамаи баландиҳои шаҳрҳои Сомария бар тибқи каломи Худованд
гуфта буд, ҳатман ба амал хоҳад омад».

## Ёробъом ба шарорати худ исрор менамояд.

[33] Баъд аз ин воқеа Ёробъом аз роҳи бади худ нагашт, балки аз ҳар
табақаи қавм коҳинони баландиҳоро таъин кардан гирифт: ҳар кӣ
мехост, варо ӯ таъин менамуд, то ки аз ҷумлаи коҳинони баландиҳо
гардад.

[34] Ин боиси гуноҳкор шудани хонадони Ёробъом гардид, то ки он аз рӯи замин несту нобуд шавад+.

## Иҷрои ҷузъии нубувват оид ба Ёробъом.

14 1 Дар он замон Абиё, писари Ёробъом, бемор шуд.
2 Ва Ёробъом ба зани худ гуфт: «Лутфан, бархоста, намуди
худро дигаргун соз, то надонанд, ки ту зани Ёробъом ҳастӣ, ва ба
Шилӯ бирав; инак, Аҳиёи набӣ дар он ҷост, ки ӯ дар бораи ман гуфта
буд, ки бар ин қавм подшоҳ хоҳам шуд+.
3 Ва дар дасти худ даҳто нон, ва кулчаҳо, ва кӯзаи асал гирифта,
назди ӯ бирав; ӯ ба ту хоҳад гуфт, ки ҳоли кӯдак чӣ мешавад»+.
4 Ва зани Ёробъом ҳамин тавр амал кард, ва бархоста, ба Шилӯ
рафт, ва ба хонаи Аҳиё омад; вале Аҳиё наметавонист бубинад, зеро
ки чашмонаш аз пирӣ нобино шуда буд.
5 Ва Худованд ба Аҳиё гуфт: «Инак, зани Ёробъом меояд, то дар
бораи писараш, ки бемор аст, чизе аз ту бипурсад; ба вай чунин ва
чунин бигӯ; ва ҳангоме ки вай меояд, худро ношинос вонамуд хоҳад
кард».
6 Ва чун Аҳиё садои пойҳои варо, ки ба дар дохил мешуд, шунид,
гуфт: «Эй зани Ёробъом, дохил шав! Чаро ту худро ношинос вонамуд
мекунӣ? Ман бо сухани сахт назди ту фиристода шудаам;
7 Рафта, ба Ёробъом бигӯ: „Худованд Худои Исроил чунин мегӯяд:
азбаски Ман туро аз миёни қавм сарафроз кардам, ва туро бар қавми
Худ Исроил раис таъин намудам,+
8 Ва мамлакатро аз хонадони Довуд пора карда гирифтам, ва онро
ба ту додам, вале ту мисли бандаам Довуд набудӣ, ки вай аҳкоми
Маро риоя мекард ва бо тамоми дили худ Маро пайравӣ намуда,
фақат он чиро, ки дар назари Ман рост аст, ба амал меовард;+
9 Ва ту аз ҳамаи онҳое ки пеш аз ту буданд, бадтар рафтор кардӣ,
ва рафта, худоёни дигар ва бутҳои рехтае барои худ сохтӣ, то ки
Маро ба ғазаб оварӣ; ва Маро ту аз худ дур андохтӣ, —+
10 Бинобар ин, инак Ман бар хонадони Ёробъом фалокат
меоварам, ва аз Ёробъом ҳар нарина ва ҳар бандӣ ва озодро, ки дар
Исроил бошанд, маҳв менамоям, ва хонадони Ёробъомро тамоман
нест мекунам, чунон ки наҷосатро то ба охир нест мекунанд;+
11 Ҳар кӣ аз Ёробъом дар шаҳр бимирад, варо сагон хоҳанд хӯрд, ва
ҳар кӣ дар саҳро бимирад, варо мурғони ҳаво хоҳанд хӯрд, зеро ки
Худованд чунин гуфтааст“+.

12 Ва ту бархоста, ба хонаи худ бирав; пойҳоят ба шаҳр расидан
замон кӯдак хоҳад мурд;
13 Ва тамоми Исроил барои вай навҳа намуда, варо дафн хоҳанд
кард, зеро ки танҳо вай аз Ёробъом ба мақбара дохил хоҳад шуд,
чунки дар вай аз хонадони Ёробъом чизи хубе нисбат ба Худованд
Худои Исроил ёфт шудааст;+
14 Ва Худованд барои Худ подшоҳе бар Исроил таъин хоҳад намуд,
ки вай хонадони Ёробъомро худи имрӯз маҳв хоҳад кард, ва низ баъд
аз ин;+
15 Ва Худованд Исроилро зарба хоҳад зад, ва онҳо мисли нае ки
дар об мекалавад, хоҳанд буд; ва Исроилро аз ин замини хубе ки ба
падаронашон дода буд, решакан хоҳад кард, ва онҳоро ба он тарафи
наҳр пароканда хоҳад намуд, чунки онҳо барои худ бутҳои Ашера
сохта, Худовандро ба ғазаб оварданд;+
16 Ва Исроилро таслим хоҳад намуд, ба сабаби гуноҳҳои Ёробъом,
ки вай худаш гуноҳ кард, ва Исроилро гирифтори гуноҳ гардонид».
17 Ва зани Ёробъом бархоста, равона шуд ва ба Тирсо омад; ҳамин
ки вай ба остонаи хона расид, бача мурд.
18 Ва ӯро дафн карданд, ва барои ӯ тамоми Исроил навҳа
намуданд, бар тибқи каломи Худованд, ки ба воситаи бандаи Худ
Аҳиёи набӣ гуфта буд.

## Фавти Ёробъом.

19 Ва бақияи аъмоли Ёробъом — чӣ гуна ҷанг карданаш ва чӣ гуна
салтанат ронданаш, — дар китоби вақоеъномаи подшоҳони Исроил
навишта шудааст+.
20 Ва айёме ки Ёробъом подшоҳӣ кард, бисту ду сол буд; ва ӯ бо
падарони худ хобид, ва писараш Нодоб ба ҷои ӯ подшоҳ шуд.

## Яҳудо дар замони Раҳабъом аз парастиши Худо дур шуд.

21 •Ва Раҳабъом ибни Сулаймон дар Яҳудо подшоҳӣ мекард; дар
вақти подшоҳ шуданаш Раҳабъом чилу яксола буд, ва ҳафдаҳ сол дар
Ерусалим подшоҳӣ кард, — дар шаҳре ки Худованд аз ҳамаи сибтҳои
Исроил баргузидааст, то ки исми Худро дар он ҷойгир созад. Ва номи
модари ӯ Наамои аммӯнӣ буд.

22 Ва аҳли Яҳудо он чиро, ки дар назари Худованд бад буд, ба амал
оварданд, ва бо гуноҳҳое ки карданд, бештар аз ҳар чи падаронашон
карда буданд, Ӯро ба ғазаб оварданд.
23 Ва онҳо низ барои худ бар ҳар тали баланд ва зери ҳар дарахти
сабз ибодатгоҳҳо ва сутунҳо ва Ашераҳо бино карданд.
24 Ва ливотагарон низ дар ин кишвар буданд: онҳо ҳамаи корҳои
зишти халқҳоеро, ки Худованд аз пеши банӣ-Исроил бадар ронда
буд, ба ҷо меоварданд+.
25 Ва дар соли панҷуми подшоҳии Раҳабъом чунин воқеъ шуд, ки
Шишак, подшоҳи Миср, ба муқобили Ерусалим баромад;+
26 Ва ганҷҳои хонаи Худованд, ва ганҷҳои хонаи подшоҳро гирифт,
— ҳама чизро гирифт; ва ҳамаи сипарҳои тиллоро, ки Сулаймон
сохта буд, гирифт+.
27 Ва подшоҳ Раҳабъом ба ҷои онҳо сипарҳои мисин сохта, ба
дасти сардорони шотироне ки дари хонаи подшоҳро нигаҳбонӣ
мекарданд, супурд.
28 Ва ҳар бор, ки подшоҳ ба хонаи Худованд мерафт, шотирон
онҳоро мебардоштанд, ва баъд онҳоро ба ҳуҷраи шотирон
бармегардониданд.
29 Ва бақияи аъмоли Раҳабъом ва ҳар чи ӯ кардааст, дар китоби
вақоеъномаи подшоҳони Яҳудо навишта шудааст.
30 Ва дар миёни Раҳабъом ва Ёробъом ҳама вақт ҷанг бурда мешуд.

## Фавти Раҳабъом.

31 Ва Раҳабъом бо падарони худ хобид, ва бо падарони худ дар
шаҳри Довуд дафн карда шуд. Ва номи модараш Наамои аммӯнӣ буд.
Ва писараш Абиём ба ҷои ӯ подшоҳ шуд.

## Подшоҳии Абиём.

**15**

1 •Ва дар соли ҳаждаҳуми подшоҳии Ёробъом ибни Набот Абиём бар Яҳудо подшоҳ шуд.

2 Се сол ӯ дар Ерусалим подшоҳӣ кард; ва номи модараш Маако бинти Абишолӯм буд.

3 Ва дар ҳамаи гуноҳҳое ки падараш пеш аз ӯ карда буд, рафтор менамуд; ва дилаш ба Худованд Худояш, мисли дили падараш Довуд, амин набуд+.

4 Аммо Худованд Худояш ба хотири Довуд ба ӯ чароғе дар Ерусалим дод, то ки писарашро баъд аз ӯ таъин намояд ва Ерусалимро устувор гардонад;+

5 Чунки Довуд он чиро, ки дар назари Худованд рост буд, ба амал меовард, ва аз ҳар чи Ӯ ба вай амр фармуда буд, тамоми айёми умри худ дур нашудааст, ба ғайр аз рафторе ки нисбат ба Уриёи ҳиттӣ карда буд+.

6 Ва дар миёни Раҳабъом ва Ёробъом тамоми айёми умраш ҷанг буд.

7 Ва бакияи аъмоли Абиём ва ҳар чи ӯ кардааст, дар китоби ваҳоеъномаи подшоҳони Яҳудо навишта шудааст. Ва дар миёни Абиём ва Ёробъом ҷанг буд.

## Фавти Абиём ва подшоҳ шудани Осо.

8 Ва Абиём бо падарони худ хобид, ва ӯро дар шаҳри Довуд дафн карданд. Ва писараш Осо ба ҷои ӯ подшоҳ шуд.

9 •Ва дар соли бистуми Ёробъом, подшоҳи Исроил, Осо бар Яҳудо подшоҳ шуд.

10 Ва ӯ чилу як сол дар Ерусалим подшоҳӣ кард. Ва номи модараш Маако бинти Абишолӯм буд.

11 Ва Осо он чиро, ки дар назари Худованд рост буд, мисли падараш Довуд ба амал меовард.

12 Ва ливотагаронро аз мамлакат бадар ронд, ва ҳамаи бутҳоеро, ки падаронаш сохта буданд, дур кард+.

13 Ва модари худ Маакоро низ аз унвони малика маҳрум сохт, чунки вай бути зишти Ашерaро сохта буд; ва бути зишти варо

шикаста, назди наҳри Қидрӯн сӯзонид+.
[14] Вале баландиҳо маҳв карда нашуд. Аммо дили Осо тамоми айёми ӯ ба Худованд амин буд.
[15] Ва чизҳоеро, ки падараш вақф карда буд, ва чизҳоеро, ки худаш вақф карда буд, яъне нуқра ва тилло ва зарфҳоро ба хонаи Худованд даровард+.

## Ҷанг бо Баъшо; аҳд бо Арам.

[16] Ва дар миёни Осо ва Баъшо, подшоҳи Исроил, тамоми айёми онҳо ҷанг буд.
[17] Ва Баъшо, подшоҳи Исроил, ба муқобили Яҳудо баромада, Роморо бино кард, то ки касе натавонад назди Осо, подшоҳи Яҳудо, рафтуомад кунад.
[18] Ва Осо тамоми нуқра ва тиллоеро, ки дар хазоини хонаи Худованд ва хазоини хонаи подшоҳ боқӣ монда буд, гирифта, ба дасти навкаронаш дод, ва онҳоро подшоҳ Осо назди Бин-Ҳадад ибни Табриммӯн ибни Ҳезйӯн, подшоҳи Арам, ки дар Димишқ сокин буд, фиристода, гуфт:+
[19] «Дар миёни ман ва ту аҳде бошад, чунон ки дар миёни падари ман ва падари ту аҳд буд; инак, ба ту инъоме аз нуқра ва тилло фиристодам; пас, аҳдеро, ки бо Баъшо, подшоҳи Исроил, бастаӣ, бишкан, то ки вай аз ман дур шавад».
[20] Ва Бин-Ҳадад ба подшоҳ Осо гӯш дода, сипаҳдорони худро ба муқобили шаҳрҳои Исроил фиристод, ва Ийюн ва Дон ва Обил-Байт-Маако ва тамоми Кинрӯтро дар тамоми замини Нафтолӣ шикаст дод.
[21] Ва ҳамин ки Баъшо инро шунид, аз бино кардани Ромо даст кашида, дар Тирсо сокин шуд+.
[22] Ва подшоҳ Осо тамоми аҳли Яҳудоро, бидуни истисно, даъват намуд, ва онҳо сангҳои Ромо ва чӯбҳояшро, ки Баъшо бо онҳо бино карда буд, бардошта бароварданд; ва подшоҳ Осо Ҷабъи Биньёмин ва Мисфоро бо онҳо бино намуд.

## Беморӣ ва фавти Осо. Подшоҳ шудани Еҳӯшофот.

[23] Ва бақияи тамоми аъмоли Осо ва тамоми корнамоии ӯ ва ҳар чи ӯ кардааст, ва шаҳрҳое ки ӯ бино намудааст, дар китоби вақоеъномаи

подшоҳони Яҳудо навишта шудааст; аммо дар замони пирияш ӯ дарди по шуда буд.
24 Ва Осо бо падарони худ хобид, ва бо падарони худ дар шаҳри падараш Довуд дафн карда шуд; ва писараш Еҳӯшофот ба ҷои ӯ подшоҳ шуд+.

## Подшоҳ шудани Нодоб бар Исроил.

25 Ва дар соли дуюми Осо, подшоҳи Яҳудо, Нодоб ибни Ёробъом бар Исроил подшоҳ шуд, ва ду сол бар Исроил подшоҳӣ кард+.
26 Ва он чиро, ки дар назари Худованд бад буд, ӯ ба амал меовард, ва бо роҳи падари худ ва дар гуноҳи вай, ки Исроилро гирифтори гуноҳ гардонида буд, рафтор менамуд.

## Баъшо бар Исроил подшоҳ мешавад.

27 Ва Баъшо ибни Аҳиё, ки аз хонадони Иссокор буд, ба муқобили ӯ суиқасд намуд, ва Баъшо ӯро дар Ҷибтӯн, ки дар дасти фалиштиён буд, зарба зад, вақте ки Нодоб ва тамоми Исроил Ҷибтӯнро муҳосира карда буданд+.
28 Ва Баъшо ӯро дар соли сеюми Осо, подшоҳи Яҳудо, кушта, ба ҷои ӯ подшоҳ шуд.
29 Ва ҳангоме ки вай подшоҳ шуд, тамоми хонадони Ёробъомро кушт, як нафар ҳам аз насли Ёробъом боқӣ нагузошт, то ба дараҷае ки саросар онҳоро маҳв намуд, бар тибқи каломи Худованд, ки ба воситаи бандаи худ Аҳиёи шилӯнӣ гуфта буд, —+
30 Аз боиси гуноҳҳои Ёробъом, ки худаш гуноҳ карда ва Исроилро гирифтори гуноҳ гардонида, Худованд Худои Исроилро бо ин маъсияти худ ба ғазаб оварда буд.
31 Ва бақияи аъмоли Нодоб, ва ҳар чи ӯ кардааст, дар китоби вақоеъномаи подшоҳони Исроил навишта шудааст.
32 Ва дар миёни Осо ва Баъшо, подшоҳи Исроил, тамоми айёми онҳо ҷанг буд.
33 Дар соли сеюми Осо, подшоҳи Яҳудо, Баъшо ибни Аҳиё бар тамоми Исроил дар Тирсо подшоҳ шуда, бисту чор сол салтанат ронд.
34 Ва он чиро, ки дар назари Худованд бад буд, ба амал овард, ва бо роҳи Ёробъом ва дар гуноҳҳое ки вай Исроилро гирифтори гуноҳ гардонида буд, рафтор намуд.

## Нубувват дар бораи Баъшо ва фавти ӯ.

**16** [1] Ва каломи Худованд бар Еҳу ибни Ҳанонӣ дар бораи Баъшо
нозил шуда, гуфт:+
[2] «Азбаски Ман туро аз хок баланд бардоштам, ва туро бар қавми
Худ Исроил раис таъин намудам, вале ту бо роҳи Ёробъом рафтор
кардӣ, ва қавми Ман Исроилро гирифтори гуноҳ гардондӣ, ба тавре
ки онҳо Маро бо гуноҳҳои худ ба ғазаб оварданд, —+
[3] Инак, Ман Баъшо ва хонадони ӯро маҳв менамоям, ва хонадони
туро мисли хонадони Ёробъом ибни Набот хоҳам гардонид+.
[4] Касе ки аз насли Баъшо дар шаҳр бимирад, варо сагон хоҳанд
хӯрд; ва касе ки аз насли ӯ дар саҳро бимирад, варо мурғони ҳаво
хоҳанд хӯрд»+.
[5] Ва бақияи аъмоли Баъшо, ва ҳар чи ӯ кардааст, ва корнамоии ӯ
дар китоби вақоеъномаи подшоҳони Исроил навишта шудааст.
[6] Ва Баъшо бо падарони худ хобид, ва дар Тирсо дафн карда шуд.
Ва писараш Эло ба ҷои ӯ подшоҳ шуд.
[7] Ва низ ба воситаи Еҳу ибни Ҳанонии набӣ каломи Худованд дар
бораи Баъшо ва хонадони вай нозил шуд, — ҳам аз боиси тамоми
шарорате ки вай дар пеши назари Худованд ба амал оварда,
Худовандро ба ғазаб оварда буд, ба дараҷае ки монанди хонадони
Ёробъом гардида буд, ва ҳам аз боиси он ки ӯро кушта буд.

## Подшоҳии Эло.

[8] Дар соли бисту шашуми Осо, подшоҳи Яҳудо, Эло ибни Баъшо
бар Исроил дар Тирсо подшоҳ шуда, ду сол салтанат ронд.
[9] Ва навкари ӯ Зимрӣ, ки сардори нисфи аробаҳо буд, ба муқобили
ӯ суиқасд намуд. Вақте ки ӯ дар Тирсо, дар хонаи Арсо, ки нозири
дарбори ӯ дар Тирсо буд, нӯшида маст шуд,+
[10] Зимрӣ омада, ӯро дар соли бисту ҳафтуми Осо, подшоҳи Яҳудо,
зарба зада кушт, ва ба ҷои ӯ подшоҳ шуд.

## Подшоҳии Зимрӣ.

[11] Ва ҳангоме ки вай подшоҳ шуда, бар тахти ӯ нишаст, тамоми
хонадони Баъшоро кушт, ба тавре ки як нарина ҳам аз насли ӯ ва аз
хешовандон ва ёрони ӯ боқӣ нагузошт.

[12] Ва Зимрӣ тамоми хонадони Баъшоро, бар тибқи каломе ки
Худованд дар бораи Баъшо ба воситаи Еҳуи набӣ гуфта буд, маҳв
намуд,+
[13] Аз боиси ҳамаи гуноҳҳои Баъшо ва гуноҳҳои писараш Эло, ки
худашон гуноҳ карда ва Исроилро гирифтори гуноҳ гардонида,
Худованд Худои Исроилро бо бутҳои худ ба ғазаб оварда буданд.
[14] Ва бақияи аъмоли Эло, ва ҳар чи ӯ кардааст, дар китоби
вақоеъномаи подшоҳони Исроил навишта шудааст.
[15] Дар соли бисту ҳафтуми Осо, подшоҳи Яҳудо, Зимрӣ дар Тирсо
ҳафт рӯз подшоҳӣ кард, дар сурате ки қавм назди Ҷибтӯн, ки дар
дасти фалиштиён буд, ӯрду зада буданд+.
[16] Ва қавме ки дар ӯрдугоҳ буданд, шуниданд, ки Зимрӣ суиқасд
намудааст ва подшоҳро низ куштааст; он гоҳ тамоми Исроил
Омриро, ки сарлашкар буд, дар он рӯз дар ӯрдугоҳ бар Исроил
подшоҳ карданд.
[17] Ва Омрӣ, ва тамоми Исроил бо ӯ, аз Ҷибтӯн баромада, Тирсоро
муҳосира карданд.
[18] Ва чун Зимрӣ дид, ки шаҳр забт карда шуд, ба ҳуҷраи дохилии
хонаи подшоҳ даромада, хонаи подшоҳро бар сари худ ба оташ
сӯзонид, ва мурд,
[19] Аз боиси гуноҳҳои худ, ки аъмоли дар назари Худованд бадро ба
ҷо оварда, гуноҳ кард, ва бо роҳи Ёробъом ва дар гуноҳҳои вай
рафтор намуда, Исроилро гирифтори гуноҳ гардонид.
[20] Ва бақияи аъмоли Зимрӣ ва суиқасде ки ӯ ба амал овард, дар
китоби вақоеъномаи подшоҳони Исроил навишта шудааст.

## Мухолифат дар миёни Омрӣ ва Тибнӣ, ва подшоҳ шудани Омрӣ.

[21] Он гоҳ қавми Исроил ду тақсим шуданд: нисфи қавм тарафдори
Тибнӣ ибни Ҷинат буданд, то ки варо подшоҳ кунанд, ва нисфи
дигарашон — тарафдори Омрӣ.
[22] Ва қавме ки тарафдори Омрӣ буданд, бар қавме ки тарафдори
Тибнӣ ибни Ҷинат буданд, дастболо шуданд, ва Тибнӣ мурд, ва Омрӣ
подшоҳ шуд.
[23] Дар соли сию якуми Осо, подшоҳи Яҳудо, Омрӣ бар Исроил
подшоҳ шуда, дувоздаҳ сол салтанат ронд; дар Тирсо шаш сол

салтанат ронд.

24 Ва ӯ кӯҳи Шӯмрӯнро аз Сомар ба ду киккар нуқра харид, ва бар кӯҳ бино кард, ва номи шаҳреро, ки бино кард, ба номи Сомар, ки соҳиби кӯҳ буд, Сомария хонд.

25 Ва Омрӣ он чиро, ки дар назари Худованд бад буд, ба амал овард, ва аз ҳамаи онҳое ки пеш аз ӯ буданд, бадтар рафтор кард+.

26 Ва комилан роҳи Ёробъом ибни Набот ва гуноҳҳои варо пайравӣ намуд, ки вай Исроилро гирифтори гуноҳ гардонида буд, то ки Худованд Худои Исроилро бо бутҳои худ ба ғазаб оваранд.

27 Ва бақияи аъмоли Омрӣ, ки кардааст, ва корнамоие ки нишон додааст, дар китоби воқеъномаи подшоҳони Исроил навишта шудааст.

28 Ва Омрӣ бо падарони худ хобид, ва дар Сомария дафн карда шуд; ва писараш Аҳъоб ба ҷои ӯ подшоҳ шуд.

29 Ва Аҳъоб ибни Омрӣ дар соли сию ҳаштуми Осо, подшоҳи Яҳудо, бар Исроил подшоҳ шуд; ва Аҳъоб ибни Омрӣ бар Исроил дар Сомария бисту ду сол салтанат ронд.

30 Ва Аҳъоб ибни Омрӣ аз ҳамаи онҳое ки пеш аз ӯ буданд, дар назари Худованд бештар рафтори бад кард+.

31 Ба гуноҳҳои Ёробъом ибни Набот пайравӣ карданаш магар кам буд, ки ӯ Изобал бинти Этбаал, подшоҳи сидӯниёнро ба занӣ гирифт, ва рафта, Баалро ибодат кард, ва ба вай саҷда бурд+.

32 Ва дар хонаи Баал, ки дар Сомария бино кард, қурбонгоҳе барои Баал барпо намуд+.

33 Ва Аҳъоб Ашерароро сохт; ва Аҳъоб корҳои бадашро давом дода, бештар аз ҳамаи подшоҳони Исроил, ки пеш аз ӯ буданд, Худованд Худои Исроилро ба ғазаб овард.

34 Дар айёми ӯ Ҳиили байт-илӣ Ериҳӯро бино кард: бар нахустзодаи худ Абиром буньёди онро гузошт, ва бар писари хурдии худ Саҷуб дарвозаҳояшро шинонид, бар тибқи каломи Худованд, ки ба воситаи Еҳушаъ ибни Нун гуфта буд+.

## Ҳизмати Ильёси набӣ. Пешгӯӣ дар бораи хушксолӣ.

17 [1] Ва Ильёси тишбӣ, ки аз сокинони Ҷилъод буд, ба Аҳъоб
гуфт: «Ба ҳаёти Худованд Худои Исроил, ки ба хузураш
истодаам, қасам мехӯрам, ки дар ин солҳо шабнам ва борон нахоҳад
борид, магар ки бар тибқи каломи ман»+.

[2] Ва каломи Худованд бар ӯ нозил шуда, гуфт:

[3] «Аз ин ҷо рафта, ба тарафи шарқ рӯй овар ва назди наҳри Карит,
ки дар рӯ ба рӯи Урдун аст, пинҳон шав.

[4] Ва аз он наҳр ту хоҳӣ нӯшид; ва Ман ба зоғон амр фармудам, ки
дар он ҷо ба ту ғизо оваранд».

[5] Ва ӯ рафта, бар тибқи каломи Худованд амал кард; ва рафта,
назди наҳри Карит, ки дар рӯ ба рӯи Урдун аст, сокин шуд.

[6] Ва зоғон барои ӯ нону гӯшт дар субҳ, ва нону гӯшт дар шом
меоварданд, ва аз наҳр ӯ менӯшид.

[7] Ва бо мурури замон наҳр хушк шуд, зеро ки борон дар замин
набуд.

## Ильёс дар Сорефот.

[8] Ва каломи Худованд бар ӯ нозил шуда, гуфт:

[9] «Бархоста, ба Сорефот, ки назди Сидӯн аст, бирав, ва дар он ҷо
сукунат намо; инак, Ман ба бевазане дар он ҷо амр фармудам, ки ба
ту ғизо диҳад»+.

[10] Ва ӯ бархоста, ба Сорефот рафт, ва ҳангоме ки ба дарвозаи шаҳр
расид, инак, бевазан дар он ҷо чӯбпора мечид; ва ӯ варо даъват
намуда, гуфт: «Лутфан, андак об барои ман дар зарфе биёр, то ки
бинӯшам».

[11] Вай барои овардани об рафт, вале ӯ варо даъват намуда, гуфт:
«Лутфан, як порча нон барои ман дар дасти худ биёр».

[12] Вай гуфт: «Қасам ба ҳаёти Худованд Худои ту, ки як кулча ҳам
надорам, балки як мушт орд дар чалак ва андак равған дар кӯза ҳаст,
ва инак, ман як-ду чӯбпора мечинам, ва рафта, онро барои худам ва
писарам мепазам, ва мо онро мехӯрем ва мемирем».

[13] Ва Ильёс ба вай гуфт: «Натарс, бирав ва он чи гуфтӣ, бикун;
аммо аввал кулчаи хурде аз он барои ман пухта, назди ман биёр, ва
баъд барои худат ва писарат бипаз;

[14] Зеро ки Худованд Худои Исроил чунин мегӯяд: „Чалаки орд
тамом нахоҳад шуд, ва кӯзаи равған кам нахоҳад монд, то рӯзе ки
Худованд борон бар замин биборонад“».
[15] Вай рафта, бар тибқи гуфтаи Ильёс амал кард; ва вай, ва ӯ, ва
аҳли хонаи вай чандин айём хӯрданд.
[16] Чалаки орд тамом нашуд, ва кӯзаи равған кам намонд, бар
тибқи каломи Худованд, ки ба воситаи Ильёс гуфта буд.

## Зинда шудани писари бевазан.

[17] Ва баъд аз ин ҳодисаҳо чунин воқеъ шуд, ки писари ин занаки
соҳиби хона бемор шуд, ва бемориаш он қадар сахт буд, ки ӯро
рамақе намонд.
[18] Вай ба Ильёс гуфт: «Туро бо ман чӣ кор аст, эй марди Худо? Ту
назди ман омадаӣ, то ки гуноҳи моро хотиррасон намоӣ ва
писарамро бикушӣ».
[19] Ва ӯ ба вай гуфт: «Писаратро ба ман бидеҳ». Ва ӯро аз оғӯши вай
гирифта, ба болохонае ки дар он сукунат дошт, баровард, ва ӯро бар
бистари худ хобонид.
[20] Ва сӯи Худованд хонда, гуфт: «Эй Худованд Худои ман! Оё ба
сари бевазане низ, ки ман назди вай сукунат дорам, офате оварда,
писарашро мекушӣ?»
[21] Ва худро се карат бар писар ёзонид, ва сӯи Худованд хонда, гуфт:
«Эй Худованд Худои ман! Лутфан, ҷони ин писар андаруни ӯ
баргардад!»+
[22] Ва Худованд овози Ильёсро шунид, ва ҷони писар андаруни ӯ
баргашт, ва ӯ зинда шуд.
[23] Ва Ильёс писарро гирифта, аз болохона ба хона фуровард, ва ӯро
ба модараш супурд; ва Ильёс гуфт: «Бубин, писарат зинда аст».
[24] Ва ин зан ба Ильёс гуфт: «Акнун ман донистам, ки ту марди
Худо ҳастӣ, ва каломи Худованд дар даҳони ту рост аст».

## Ильёс назди Аҳъоб меравад.

**18** 1 Ва баъд аз рӯзҳои зиёде каломи Худованд дар соли сеюм бар Ильёс нозил шуда, гуфт: «Рафта, худро ба Аҳъоб зоҳир намо, ва Ман бар замин борон хоҳам боронид».

2 Ва Ильёс рафт, то ки худро ба Аҳъоб нишон диҳад; ва қаҳтӣ дар Сомария сахт буд.

3 Ва Аҳъоб Убадьёҳуро, ки нозири хонаи ӯ буд, даъват намуд; ва Убадьёҳу шахси бағоят худотарс буд.

4 Ва ҳангоме ки Изобал анбиёи Худовандро маҳв менамуд, Убадьёҳу сад нафар анбиёро гирифта, дар мағораҳо панҷоҳнафарӣ пинҳон кард, ва онҳоро бо нон ва об таъмин намуд+.

5 Ва Аҳъоб ба Убадьёҳу гуфт: «Дар замин ҳамаи чашмаҳои об ва ҳамаи наҳрҳоро тай намо, ки шояд алафе пайдо карда, аспон ва хачиронро зинда нигоҳ дорем, ва аз чорпоён маҳрум нашавем».

6 Ва онҳо заминро дар миёни худ тақсим карданд, то ки онро тай намоянд: Аҳъоб бо як роҳ танҳо рафт, ва Убадьёҳу бо роҳи дигар танҳо рафт.

7 Ва ҳангоме ки Убадьёҳу дар роҳ буд, инак, Ильёс бо вай вохӯрд; вай ӯро шинохт ва бар рӯи худ афтода, гуфт: «Оё оғоям Ильёс ту ҳастӣ?»

8 Вай ба ӯ гуфт: «Ман ҳастам; рафта, ба оғои худ бигӯй: „Ильёс ин ҷост“».

9 Вай гуфт: «Ман чӣ гуноҳ кардаам, ки ту бандаи худро ба дасти Аҳъоб месупорӣ, то ки маро бикушад?

10 Қасам ба ҳаёти Худованд Худои ту, ки қавме ва мамлакате нест, ки оғоям барои ҷустуҷӯи ту ба он ҷо нафиристода бошад, ва онҳо мегуфтанд: „Ин ҷо нест“; ва ӯ он мамлакат ва халқро қасам медод, ки туро наёфтаанд;

11 Ва алҳол ту мегӯӣ: рафта, ба оғои худ бигӯй: „Ильёс ин ҷост“.

12 Ва чунин воқеъ хоҳад шуд, ки чун аз пеши ту биравам, ва Рӯҳи Худованд туро ба ҷое ки намедонам, бардошта барад, ва ман рафта ба Аҳъоб хабар диҳам, ва ӯ туро наёбад, — дар он сурат ӯ маро хоҳад кушт; ва бандаат аз бачагии худ аз Худованд метарсад;+

13 Оё оғоям хабар наёфтааст аз он чи ман кардам, яъне вақте ки Изобал анбиёи Худовандро мекушт, ман сад нафар анбиёро дар

мағораҳо панҷоҳнафарӣ пинҳон кардам, ва онҳоро бо нон ва об
таъмин намудам;
14 Ва алҳол ту мегӯӣ: рафта ба оғоят бигӯй: „Ильёс ин ҷост“. Пас, ӯ
маро хоҳад кушт».
15 Ва Ильёс гуфт: «Ба ҳаёти Худованди лашкарҳо, ки ба ҳузураш
истодаам, қасам мехӯрам, ки имрӯз худро ба вай нишон хоҳам дод».
16 Ва Убадьёҳу ба истиқболи Аҳъоб рафта, ба вай хабар дод; ва
Аҳъоб ба истиқболи Ильёс рафт.

## Ильёс бо Аҳъоб вохӯрда, варо барои гуноҳҳояш мазаммат менамояд.

17 Ва ҳангоме ки Аҳъоб Ильёсро дид, Аҳъоб ба ӯ гуфт: «Оё ту ҳастӣ,
ки Исроилро ба изтироб андохтаӣ?»
18 Ва ӯ гуфт: «Исроилро ман ба изтироб наандохтаам, балки ту ва
хонадони падарат, чунки шумо аҳкоми Худовандро тарк кардед, ва
ту Баалҳоро пайравӣ намудӣ.
19 Ва алҳол фиристода, тамоми Исроилро назди ман бар кӯҳи
Кармил ҷамъ кун, ва низ чорсаду панҷоҳ нафар анбиёи Баал ва
чорсад нафар анбиёи Ашераро, ки аз суфраи Изобал хӯрок
мехӯранд».
20 Ва Аҳъоб назди тамоми банӣ-Исроил фиристод, ва анбиёро бар
кӯҳи Кармил ҷамъ кард+.
21 Ва Ильёс ба тамоми қавм наздик омада, гуфт: «То ба кай шумо
дар миёни ду ақида мекалавед? Агар Худованд аст Худо, — Ӯро
пайравӣ намоед, ва агар Баал аст, — варо пайравӣ намоед». Вале қавм
дар ҷавоби ӯ сухане нагуфтанд+.
22 Ва Ильёс ба қавм гуфт: «Ман танҳо ҳамчун набии Худованд боқӣ
мондаам, валекин анбиёи Баал чорсаду панҷоҳ нафаранд+.
23 Бигзор ба мо ду гов диҳанд, ва онҳо бигзор як говро барои худ
интихоб намоянд, ва онро пора-пора карда, бар ҳезум монанд, вале
оташ нагузоранд; ва ман гови дигарро тайёр карда, бар ҳезум
мемонам, вале оташ намегузорам.
24 Ва шумо номи худои худро бихонед, ва ман исми Худовандро
хоҳам хонд, ва он Худое ки бо оташ ҷавоб гардонад, Ӯ Худо бошад».
Ва тамоми қавм ҷавоб дода, гуфтанд: «Дуруст гуфтӣ».

## Худованд зидди Баал.

25 Ва Ильёс ба анбиёи Баал гуфт: «Як говро барои худ интихоб
намуда, шумо аввал тайёр кунед, зеро ки бисьёр ҳастед; ва номи
худои худро бихонед, вале оташ нагузоред».
26 Ва говеро, ки ба онҳо дода шуд, гирифта, тайёр карданд, ва номи
Баалро аз субҳ то нимирӯзӣ хонда, гуфтанд: «Эй Баал, ба мо ҷавоб
гардон!» Вале на садое буд ва на ҷавобе. Ва онҳо назди қурбонгоҳе ки
сохта буданд, ҷастухез мекарданд.
27 Ва дар нимирӯзӣ Ильёс онҳоро тамасхур намуда, гуфт: «Бо
овози баланд бихонед, зеро ки вай худост; шояд, ба мусоҳибае
машғул бошад, ё барои қазои ҳоҷат дур шуда бошад, ё дар сафар
бошад, шояд, хоб рафта бошад, ва бедор шавад».
28 Ва онҳо бо овози баланд мехонданд, ва худро, бар тибқи одати
худ, бо шамшерҳо ва найзаҳо захмдор мекарданд, ба дараҷае ки хун
бар онҳо ҷорӣ мешуд.
29 Ва баъд аз гузаштани нимирӯзӣ онҳо то вақти баровардани
қурбонии шом доду фарьёд карданд, валекин на садое буд, на ҷавобе
ва на таваҷҷӯҳе+.
30 Ва Ильёс ба тамоми қавм гуфт: «Ба ман наздик оед». Ва тамоми
қавм ба ӯ наздик омаданд; ва ӯ қурбонгоҳи Худовандро, ки вайрон
шуда буд, таъмир кард.
31 Ва Ильёс дувоздаҳ санг гирифт, бар тибқи шумораи сибтҳои
банӣ-Яъқуб, ки каломи Худованд бар ӯ нозил шуда, гуфта буд: «Номи
ту Исроил хоҳад буд»+.
32 Ва аз он сангҳо қурбонгоҳе ба исми Худованд бино кард; ва
гирдогирди қурбонгоҳ хандақе сохт, ки сатҳи кишти ду сео тухмиро
дошт.
33 Ва ҳезумро ҷо ба ҷо монд; ва говро пора-пора карда, бар ҳезум
гузошт.
34 Ва гуфт: «Чор чалакро об пур карда, бар қурбонии сӯхтанӣ ва
бар ҳезум бирезед». Ва гуфт: «Бори дуюм ин корро бикунед!» Ва бори
дуюм карданд. Ва гуфт: «Бори сеюм ин корро бикунед!» Ва бори сеюм
карданд.
35 Ва об гирдогирди қурбонгоҳ ҷорӣ шуд, ва хандақ низ аз об пур
шуд.

36 Ва дар вақти баровардани қурбонии шом Ильёси набӣ наздик омада, гуфт: «Эй Худованд, Худои Иброҳим, Исҳоқ ва Исроил! Бигзор имрӯз маълум гардад, ки Ту дар Исроил Худо ҳастӣ, ва ман бандаи Ту ҳастам, ва ҳамаи инро бар тибқи каломи Ту кардаам+.

37 Маро иҷобат намо, эй Худованд, маро иҷобат намо! Ва бигзор ин қавм дарк кунанд, ки Ту Худованд Худо ҳастӣ, ва Ту дили онҳоро хоҳӣ баргардонид».

38 Ва оташи Худованд фурӯ рехта, қурбонии сӯхтанӣ ва ҳезум ва хокро фурӯ бурд, ва оберо, ки дар хандақ буд, лесид+.

39 Ва тамоми қавм инро диданд, ва бар рӯи худ афтода, гуфтанд: «Худованд Худост! Худованд Худост!»+

40 Ва Ильёс ба онҳо гуфт: «Анбиёи Баалро дастгир кунед, як нафар ҳам аз онҳо раҳо нашавад!» Ва онҳоро дастгир карданд. Ва Ильёс онҳоро назди наҳри Қишӯн фурӯд овард, ва дар он ҷо онҳоро кушт+.

41 Ва Ильёс ба Аҳъоб гуфт: «Баромада, бихӯр ва бинӯш, зеро ки садои борони зиёде меояд».

## Ильёс бар кӯҳи Кармил.

42 Ва Аҳъоб баромад, то ки бихӯрад ва бинӯшад; ва Ильёс бар қуллаи Кармил баромада, бар замин хам шуд, ва рӯи худро ба миёни зонуҳояш гузошт.

43 Ва ба навкари худ гуфт: «Лутфан, баромада ба тарафи баҳр бингар». Вай баромада, нигарист ва гуфт: «Чизе нест». Ҳафт бор Ильёс ба ӯ гуфт: «Боз бирав ва бингар».

44 Ва дар бори ҳафтум вай гуфт: «Инак, абри хурде ба андозаи кафи одам аз баҳр мебарояд». Ва ӯ гуфт: «Баромада, ба Аҳъоб бигӯй: „Аробаатро баста, фурӯд ой, то ки борон ба ту монеъ нашавад“».

45 Дар ин миён осмон аз абрҳо ва аз бод тира шуда, борони сахт борид; ва Аҳъоб ба аробааш савор шуда, ба Изреъил рафт+.

46 Ва дасти Худованд бар Ильёс буд, ва ӯ камари худро баста, пешопеши Аҳъоб то даромадгоҳи Изреъил давид+.

## Худованд набиро муҳофизат менамояд.

# 19

1 Ва Аҳъоб ба Изобал аз он чи Ильёс кард, ва чӣ гуна тамоми
анбиёро бо шамшер кушт, хабар дод.
2 Ва Изобал қосидеро назди Ильёс фиристода, гуфт: «Худоён ба
ман чунин ва зиёда аз ин бикунанд, агар фардо дар ҳамин вақт ҷони
туро мисли ҷони яке аз онҳо насозам».
3 Ва ӯ ин хатарро дида, бархост ва барои ҳифзи ҷони худ равона
шуда, ба Беэр-Шобаъ, ки дар Яҳудост, омад, ва навкари худро дар он
ҷо гузошт+.
4 Ва худаш дар биёбон роҳи якрӯзаро тай намуд, ва омада, зери
дарахти ратам нишаст, ва ба ҷони худ маргро хоста, гуфт: «Бас аст!
Алҳол, эй Худованд, ҷони маро бигир, зеро ки ман аз падарони худ
беҳтар нестам»+.
5 Ва зери дарахти ратам ёзида, хобид. Ва инак, фариштае ӯро ламс
намуда, гуфт: «Бархез, бихӯр».
6 Ва ӯ нигарист, ва инак, назди сараш кулчаи бар лахчаҳо
пухташуда ва кӯзаи об буд. Ва ӯ хӯрд ва нӯшид, ва боз хобид.
7 Ва фариштаи Худованд бори дуюм омад, ва ӯро ламс намуда,
гуфт: «Бархез, бихӯр, зеро ки роҳи дуре пеши туст».

## Ильёс бар кӯҳи Ҳӯриб.

8 Ва ӯ бархоста, хӯрд ва нӯшид, ва бо қуввати ин хӯрок чил рӯз ва
чил шаб то Ҳӯриб, ки кӯҳи Худост, рафт+.
9 Ва дар он ҷо ба мағорае даромад, ва шабро дар он гузаронид. Ва
инак, каломи Худованд бар ӯ нозил шуда, ба ӯ гуфт: «Эй Ильёс, туро
дар ин ҷо чӣ кор аст?»
10 Ва ӯ гуфт: «Ман барои Худованд Худои лашкарҳо рашки азиме
дорам, зеро ки банӣ-Исроил аҳди Туро тарк намудаанд,
қурбонгоҳҳои Туро вайрон кардаанд ва анбиёи Туро бо шамшер
куштаанд; ва танҳо ман боқӣ мондаам, вале ҷони маро низ
металабанд, то ки онро бигиранд»+.
11 Ва гуфт: «Берун ой ва бар кӯҳ ба ҳузури Худованд биист». Ва
инак, Худованд убур менамояд, ва боди азим ва пурзӯре кӯҳҳоро ба
ҳузури Худованд аз ҳам ҷудо ва сахраҳоро пора-пора мекунад, вале

Худованд дар бод нест. Ва баъд аз бод — зилзилае, вале Худованд дар
зилзила нест+.
12 Ва баъд аз зилзила — оташе, вале Худованд дар оташ нест. Ва
баъд аз оташ — садои пичирроси оҳиста+.
13 Ва ҳангоме ки Ильёс инро шунид, рӯи худро бо ридои худ
пӯшонида, берун омад ва дар даҳани мағора истод. Ва инак, овозе ба
ӯ муроҷиат намуда, гуфт: «Эй Ильёс, туро дар ин ҷо чӣ кор аст?»
14 Ва ӯ гуфт: «Ман барои Худованд Худои лашкарҳо рашки азиме
дорам, зеро ки банӣ-Исроил аҳди Туро тарк намудаанд,
қурбонгоҳҳои Туро вайрон кардаанд ва анбиёи Туро бо шамшер
куштаанд; ва танҳо ман боқӣ мондаам, вале ҷони маро низ
металабанд, то ки онро бигиранд»+.
15 Ва Худованд ба ӯ гуфт: «Рафта, бо роҳи худ ба биёбони Димишқ
баргард, ва омада, Ҳазоилро ба подшоҳӣ бар Арам тадҳин намо;+
16 Ва Еҳу ибни Нимширо ба подшоҳӣ бар Исроил тадҳин намо, ва
Элишоъ ибни Шофотро, ки аз Обил-Маҳӯло мебошад, ба набигӣ ба
ҷои худат тадҳин намо+.
17 Ва ҳар кӣ аз шамшери Ҳазоил раҳо шавад, варо Еҳу хоҳад кушт;
ва ҳар кӣ аз шамшери Еҳу раҳо шавад, варо Элишоъ хоҳад кушт+.
18 Ва Ман дар Исроил ҳафт ҳазор нафарро боқӣ хоҳам гузошт, —
ҳар зонуеро, ки пеши Баал хам нашудааст, ва ҳар даҳонеро, ки варо
набӯсидааст»+.

## Даъват шудани Элишоъ.

19 Ва ӯ аз он ҷо рафта, Элишоъ ибни Шофотро ёфт, ки вай шудгор
мекард; дувоздаҳ ҷуфт гов пешопеши вай, ва худаш бо ҷуфти
дувоздаҳум буд. Ва Ильёс аз пеши вай гузашта, ридои худро бар
китфи вай партофт.
20 Вай говҳоро тарк намуда, аз ақиби Ильёс давид, ва гуфт: «Изн
бидеҳ, ки падару модари худро бибӯсам, ва сонӣ аз ақиби ту
биравам». Ва ӯ ба вай гуфт: «Бирав ва баргард, зеро ки ман ба ту чӣ
кардаам?»+
21 Ва барои пайравии ӯ баргашта, як ҷуфт говҳоро гирифт, ва
онҳоро забҳ намуда, гӯшташонро бар оташи олоти говон пухт, ва
онро ба мардум дод, ва онҳо хӯрданд; ва бархоста, аз ақиби Ильёс
рафт, ва хизмати ӯро ба ҷо овард+.

## Аҳъоб ба Арам лашкар мекашад.

**20** [1] Ва Бин-Ҳадад, подшоҳи Арам, тамоми лашкари худро ҷамъ
кард, ва сию ду подшоҳ, ва аспон ва аробаҳо ҳамроҳи вай
буданд; ва баромада, Сомарияро муҳосира намуд, ва бо он ҷанг
кард+.
[2] Ва қосидонро назди Аҳъоб, подшоҳи Исроил, ба шаҳр фиристод.
[3] Ва ба ӯ гуфт: «Бин-Ҳадад чунин мегӯяд: „Нуқраи ту ва тиллои ту
аз они ман аст; занон ва писарони беҳтарини ту аз они мананд“».
[4] Ва подшоҳи Исроил ҷавоб гардонида, гуфт: «Эй оғоям подшоҳ,
бигзор мувофиқи гуфтаи ту ман ва тамоми дороии ман аз они ту
бошем».
[5] Ва қосидон бори дигар омада, гуфтанд: «Бин-Ҳадад чунин амр
фармуда, мегӯяд: „Ман назди ту фиристода гуфта будам, ки нуқраи
худ ва тиллои худ ва занони худ ва писарони худро ту ба ман
бидиҳӣ;
[6] Аз ин рӯ, фардо ман навкарони худро назди ту мефиристам, то
ки хонаи ту ва хонаҳои навкаронатро кофтуков кунанд, ва ҳар чиро,
ки дар назари ту писандида аст, ба дасти худ гирифта, бибаранд“».
[7] Ва подшоҳи Исроил ҳамаи пирони Исроилро даъват намуда,
гуфт: «Бидонед ва бубинед, ки вай қасди баде дорад, зеро вақте ки
вай оид ба занон ва писаронам ва нуқра ва тиллоям фиристода буд,
ман иддаояшро рад накардам»+.
[8] Ва ҳамаи пирон ва тамоми қавм ба ӯ гуфтанд: «Гӯш накун ва
розӣ нашав».
[9] Ва ӯ ба қосидони Бин-Ҳадад гуфт: «Ба оғоям подшоҳ бигӯед: „Ҳар
чи бори аввал ба бандаи худ дар бораи он фиристодӣ, ба ҷо хоҳам
овард, вале ин корро наметавонам ба ҷо оварам“». Ва косидон рафта,
ҷавобро ба вай расониданд.
[10] Ва Бин-Ҳадад назди ӯ фиристода, гуфт: «Худоён ба ман чунин ва
зиёда аз ин бикунанд, агар ғубори Сомария барои ҳамаи одамоне ки
ҳамроҳи мананд, якмуштӣ бирасад».
[11] Ва подшоҳи Исроил ҷавоб гардонида, гуфт: «Бигӯед: „Он ки
шамшер ба камар мебандад, набояд мисли он ки шамшер аз камар
мекушояд, фахр намояд“».

12 Ва ҳангоме ки вай ин суханро шунид, дар ҳолате ки бо
подшоҳон дар хаймаҳо бо шаробнӯшӣ машғул буд, ба навкаронаш
гуфт: «Манҷаниқҳоро тайёр кунед!» Ва онҳо манҷаниқҳоро ба
муқобили шаҳр тайёр карданд.
13 Ва инак, набие ба Аҳъоб, подшоҳи Исроил, наздик омада, гуфт:
«Худованд чунин мегӯяд: „Оё ин издиҳоми азимро мебинӣ? Инак,
Ман имрӯз онҳоро ба дасти ту месупорам, то бидонӣ, ки Ман
Худованд ҳастам“».
14 Ва Аҳъоб гуфт: «Ба воситаи кӣ?» Вай гуфт: «Худованд чунин
мегӯяд: „Ба воситаи навкарони сарварони вилоятҳо“». Ва ӯ гуфт:
«Кист, ки ба ҳарбу зарб шурӯъ намояд?» Вай гуфт: «Ту».

## Ғалабаи ӯ бар арамиён.

15 Ва ӯ навкарони сарварони вилоятҳоро дар шумор овард, ва онҳо
дусаду сию ду нафар буданд; ва баъд аз онҳо тамоми қавмро, тамоми
банӣ-Исроилро дар шумор овард, ки ҳафт ҳазор нафар буданд.
16 Ва онҳо дар нимирӯзӣ берун омаданд; ва Бин-Ҳадад бо он
подшоҳон, яъне бо сию ду подшоҳе ки ба ӯ мадад мерасониданд, дар
хаймаҳо шаробнӯшӣ карда маст шуда буд.
17 Ва навкарони сарварони вилоятҳо аввал берун омаданд. Ва Бин-
Ҳадад фиристод, ва ба вай хабар расонида, гуфтанд: «Аз Сомария
одамон берун омадаанд».
18 Вай гуфт: «Хоҳ барои сулҳ берун омада бошанд, онҳоро зинда
дастгир кунед, ва хоҳ барои ҳарбу зарб берун омада бошанд, онҳоро
зинда дастгир кунед».
19 Ва инҳо, яъне навкарони сарварони вилоятҳо ва лашкаре ки аз
ақибашон буд, аз шаҳр берун омаданд.
20 Ва ҳар яке аз онҳо ҳарифи худро зада куштанд, ва арамиён рӯ ба
гурез оварданд, ва исроилиён онҳоро таъқиб мекарданд; ва Бин-
Ҳадад, подшоҳи Арам, ба асп савор шуда, бо чанде аз сарваронаш
раҳоӣ ёфт.
21 Ва подшоҳи Исроил берун омада, аспон ва аробаҳоро зарба зад,
ва ба Арам шикасти азиме расонид.

## Набӣ Аҳъобро таъкид менамояд.

[22] Ва он набӣ ба подшоҳи Исроил наздик омада, ба ӯ гуфт: «Рафта,
худро мустаҳкам намо, ва бидон ва бубин, ки чӣ мекунӣ, зеро ки
баъд аз гузаштани як сол подшоҳи Арам ба муқобили ту хоҳад
баромад»+.

## Юруши дуюмбора ба зидди Арам.

[23] Ва бандагони подшоҳи Арам ба вай гуфтанд: «Худоёни кӯҳҳо
худоёни онҳоянд, бинобар ин онҳо бар мо ғолиб омаданд, валекин
агар бо онҳо дар даштрӯя ҷанг кунем, ҳатман ғолиб хоҳем омад;
[24] Ва ту ба ин мазмун амал намо: ҳар яке аз подшоҳонро аз ҷояш
дур сохта, волиёнро ба ҷои онҳо таъин намо.
[25] Ва ту лашкареро ба қадри лашкаре ки аз ту талаф шудааст, асп
дар ивази асп, ва ароба дар ивази ароба, барои худ барпо намо, ва мо
бо онҳо дар даштрӯя ҷанг карда, ҳатман бар онҳо ғолиб хоҳем омад».
Вай ба овози онҳо гӯш дода, ҳамин тавр амал намуд.
[26] Ва баъд аз гузаштани як сол Бин-Ҳадад арамиёнро дар шумор
овард, ва ба Афиқ баромад, то ки бо Исроил ҷанг кунад+.
[27] Ва банӣ-Исроил ба шумор оварда ва бо озуқа ва силоҳ таъмин
карда шуданд, ва ба истиқболи онҳо рафтанд; ва банӣ-Исроил ба
муқобили онҳо мисли ду рамаи бузон ӯрду заданд, вале арамиён
заминро пур карданд.
[28] Ва он марди Худо наздик омад, ва ба подшоҳи Исроил сухан
ронда, гуфт: «Худованд чунин мегӯяд: „Азбаски арамиён гуфтанд, ки
Худованд Худои кӯҳҳост, вале Худои водиҳо нест, бинобар ин Ман
тамоми ин издиҳоми азимро ба дасти ту хоҳам супурд, то бидонед,
ки Ман Худованд ҳастам“».
[29] Ва инҳо ба муқобили онҳо ҳафт рӯз ӯрду заданд, ва дар рӯзи
ҳафтум ҳарбу зарб оғоз шуд, ва банӣ-Исроил аз арамиён сад ҳазор
пиёдаро дар як рӯз куштанд.
[30] Ва боқимондагон ба шаҳри Афиқ гурехтанд, ва ҳисор бар бисту
ҳафт ҳазор нафар боқимондагон фурӯ ғалтид; ва Бин-Ҳадад гурехта,
дар шаҳр ба хуҷраи дохилӣ даромад.
[31] Ва бандагонаш ба ӯ гуфтанд: «Инак, мо шунидаем, ки
подшоҳони хонадони Исроил подшоҳони эҳсонкоранд; пас, палосҳо

ба камари худ ва арғамчинҳо бар сари худ бибандем, ва назди подшоҳи Исроил бароем, ки ӯ шояд ба ҷони ту тараҳҳум намояд».
32 Ва онҳо палосҳо бар камари худ ва арғамчинҳо бар сари худ
бастанд, ва назди подшоҳи Исроил омада, гуфтанд: «Бандаат Бин-Ҳадад мегӯяд: „Лутфан, ба ҷони ман тараҳҳум намо“». Ва ӯ гуфт: «Оё вай ҳанӯз зинда аст? Вай бародари ман аст».
33 Ва он одамон инро фоли нек дониста ва фавран суханро аз
даҳони ӯ гирифта, гуфтанд: «Оре, бародарат Бин-Ҳадад!» Ва ӯ гуфт: «Рафта, варо биёред». Ва Бин-Ҳадад назди ӯ баромад, ва ӯ варо бар ароба савор кард.
34 Вай ба ӯ гуфт: «Шаҳрҳоеро, ки падарам аз падарат гирифта буд,
бармегардонам; ва ту бозоргоҳҳо барои худ дар Димишқ хоҳӣ дошт, чунон ки падарам дар Сомария дошт». Ва ӯ гуфт: «Ман туро бо ҳамин аҳд раҳо мекунам». Ва бо вай аҳд баста, варо раҳо кард+.

## Гуноҳи Аҳъоб.

35 Ва касе аз писарони анбиё, бар тибқи каломи Худованд, ба ёри
худ гуфт: «Лутфан, маро бизан». Вале он кас аз заданаш сар кашид.
36 Ва ӯ ба вай гуфт: «Азбаски ту ба овози Худованд гӯш надодӣ,
ҳамин ки аз назди ман биравӣ, шере туро хоҳад кушт». Ва ҳангоме ки вай аз назди ӯ рафт, шере ба вай дучор омада, варо кушт+.
37 Ва ӯ каси дигарро ёфта, гуфт: «Лутфан, маро бизан». Ва он кас
ӯро зада, бо зарбааш маҷрӯҳ кард.
38 Ва он набӣ рафта, дар сари роҳ мунтазири подшоҳ истод; ва бо
пардае чашмони худро пӯшонид.
39 Ва ҳангоме ки подшоҳ мегузашт, ӯ подшоҳро нидо карда, гуфт:
«Бандаат ба ҳарбу зарб баромад, ва инак, шахсе ба тарафе рафт ва касеро назди ман оварда, гуфт: „Ин одамро посбонӣ намо; агар вай ғоиб шавад, ҷони ту дар ивази ҷони вай хоҳад буд, ё ки як киккар нуқра хоҳӣ дод“+.
40 Ва чун бандаат бо ин ё он коре шуғл дошт, вай ғоиб шуд». Ва
подшоҳи Исроил ба ӯ гуфт: «Сазои ту ҳамин аст; худат фатво додаӣ»+.
41 Ва ӯ фавран пардаро аз чашмонаш бардошт; ва подшоҳи Исроил
ӯро шинохт, ки яке аз анбиёст.

42 Ва ӯ ба вай гуфт: «Худованд чунин мегӯяд: „Азбаски ту касеро,
ки Ман ба марг маҳкум намудаам, аз дасти худ раҳо кардӣ, бинобар
ин ҷони ту дар ивази ҷони вай, ва қавми ту дар ивази қавми вай
хоҳад буд“».
43 Ва подшоҳи Исроил ғамгин ва музтариб гардида, ба хонаи худ
рафт, ва ба Сомария ворид шуд.

## Аҳъоб мехоҳад токзори Нобӯтро соҳиб шавад.

**21** 1 Ва баъд аз ин ҳодисаҳо чунин воқеъ шуд: Нобӯти изреъилӣ
дар Изреъил дар паҳлуи қасри Аҳъоб, подшоҳи Сомария,
токзоре дошт.
2 Ва Аҳъоб ба Нобӯт сухан ронда, гуфт: «Токзоратро ба ман бидеҳ,
то ки полизе барои ман бишавад, зеро ки он дар паҳлуи хонаи ман
аст; ва ман дар ивази он ба ту токзори аз он хубтаре хоҳам дод, ё агар
дар назарат писанд ояд, ба қадри қимати он ба ту нуқра хоҳам дод»+.
3 Вале Нобӯт ба Аҳъоб гуфт: «Ҳошо аз тарси Худованд, ки ман
мероси падаронамро ба ту бидиҳам»+.
4 Ва Аҳъоб аз сухане ки Нобӯти изреъилӣ ба ӯ гуфт, ғамгин ва
музтариб гардида, ба хонаи худ омад, зеро ки вай гуфт: «Мероси
падаронамро ба ту нахоҳам дод». Ва ӯ бар бистари худ хобида, рӯи
худро гардонид, ва хӯроке нахӯрд+.
5 Ва занаш Изобал назди ӯ омада, ба ӯ гуфт: «Чаро рӯҳи ту
музтариб шудааст, ва хӯроке намехӯрӣ?»
6 Ва ӯ ба вай гуфт: «Вақте ки ман ба Нобӯти изреъилӣ сухан ронда
гуфтам: „Токзоратро ба ман ба нуқра бидеҳ, ё агар хоҳӣ, дар ивази он
токзори дигаре ба ту хоҳам дод“, вай гуфт: „Токзори худро ба ту
нахоҳам дод“».
7 Ва занаш Изобал ба ӯ гуфт: «Оё ту алҳол бар Исроил чунин
салтанат меронӣ? Бархез ва хӯрок бихӯр, ва бигзор дили ту хуш
бошад: ман токзори Нобӯти изреъилиро ба ту хоҳам дод».
8 Вай мактубҳо аз номи Аҳъоб навишта, бар онҳо мӯҳри ӯро
гузошт, ва мактубҳоро ба пирон ва асилзодагоне ки бо Нобӯт дар
шаҳраш сукунат доштанд, фиристод+.
9 Ва дар мактубҳо вай чунин навишта буд: «Рӯзадорӣ эълон
намоед ва Нобӯтро дар сари қавм биншонед;
10 Ва ду шахси нобакорро дар рӯ ба рӯи ӯ биншонед, то ки онҳо
гувоҳӣ дода, бигӯянд: „Ту дар ҳаққи Худо ва подшоҳ куфр гуфтӣ“; ва
ӯро берун бароварда, сангсор кунед, то ки бимирад»+.
11 Ва аҳли шаҳри ӯ, яъне пирон ва асилзодагоне ки дар шаҳраш
сукунат доштанд, бар тибқи амре ки Изобал ба онҳо фиристода буд,
амал карданд, ончунон ки дар мактубҳои ба онҳо фиристодаи вай
навишта шуда буд:

12 Рӯзадорӣ эълон карданд, ва Нобӯтро дар сари қавм нишонданд;
13 Ва ду шахси нобакор омада, дар рӯ ба рӯи ӯ нишастанд, ва ин
шахсони нобакор пеши қавм ба зидди Нобӯт гувоҳӣ дода, гуфтанд:
«Нобӯт дар ҳаққи Худо ва подшоҳ куфр гуфт». Ва ӯро аз шаҳр берун
баровarда, сангсор карданд, ва ӯ мурд.
14 Ва назди Изобал фиристода, гуфтанд: «Нобӯт сангсор шуда,
мурд».
15 Ва чун Изобал шунид, ки Нобӯт сангсор шуда мурдааст, Изобал
ба Аҳъоб гуфт: «Бархез ва токзори Нобӯти изреъилиро, ки нахост ба
ту ба нуқра бидиҳад, тасарруф намо, зеро ки ӯ зинда нест, балки
мурдааст».
16 Ва чун Аҳъоб шунид, ки Нобӯт мурдааст, Аҳъоб бархост, то ки
назди токзори Нобӯти изреъилӣ фурӯд омада, онро тасарруф
намояд.

## Ильёс ҳалокати Аҳъобро пешгӯӣ мекунад.

17 Ва каломи Худованд бар Ильёси тишбӣ нозил шуда, гуфт:+
18 «Бархез ва ба истиқболи Аҳъоб, подшоҳи Исроил, ки дар
Сомария аст, фурӯд ой; инак, ӯ дар токзори Нобӯт мебошад, ки ба он
ҷо фурӯд омадааст, то ки онро тасарруф намояд;
19 Ва ба ӯ сухан ронда, бигӯй: „Худованд чунин мегӯяд: хам куштӣ
ва ҳам тасарруф мекунӣ?“ Ва боз ба ӯ сухан ронда, бигӯй: „Худованд
чунин мегӯяд: дар ҳамон ҷое ки сагон хуни Нобӯтро лесиданд, сагон
хуни туро низ хоҳанд лесид“»+.
20 Ва Аҳъоб ба Ильёс гуфт: «Оё маро ёфтӣ, эй душмани ман?» Ва ӯ
гуфт: «Орё, ёфтам, чунки ту худро фурӯхтаӣ, то он чиро, ки дар
назари Худованд бад аст, ба амал оварӣ.
21 Инак, Ман бар ту фалокате оварда, туро тамоман барҳам хоҳам
дод, ва аз Аҳъоб ҳар наринаро, хоҳ бандӣ ва хоҳ озод дар Исроил
бошад, маҳв хоҳам кард+.
22 Ва хонадони туро мисли хонадони Ёробъом ибни Набот ва
мисли хонадони Баъшо ибни Аҳиё хоҳам кард, барои он ки ту Маро
ба ғазаб овардаӣ ва Исроилро гирифтори гуноҳ гардонидаӣ+.
23 Ва дар бораи Изобал низ Худованд сухан ронда, гуфт: „Сагон
Изобалро назди ҳисори Изреъил хоҳанд хӯрд“+.

24 Ҳар киро, ки аз Аҳъоб дар шаҳр бимирад, сагон хоҳанд хӯрд, ва
ҳар киро, ки дар саҳро бимирад, мурғони ҳаво хоҳанд хӯрд»+.
25 Ҳанӯз касе мисли Аҳъоб набуд, ки ӯ худро фурӯхт, то он чиро,
ки дар назари Худованд бад аст, ба амал оварад, ки ба ин амал ӯро
занаш Изобал барангехт+.
26 Ва ӯ рафтори бағоят зиште карда, бутҳоро пайравӣ намуд,
ончунон ки амӯриён амал мекарданд, ки онҳоро Худованд аз пеши
банӣ-Исроил бадар ронда буд+.

## Худованд ба Аҳъоб тараҳҳум менамояд.

27 Ва ҳангоме ки Аҳъоб ин суханонро шунид, либосҳояшро
дарронид, ва палосе дар бар кард, ва рӯза дошт, ва дар палос мехобид,
ва ғамгинона роҳ мерафт.
28 Ва каломи Худованд бар Ильёси тишбӣ нозил шуда, гуфт:
29 «Оё Аҳъобро мебинӣ, чӣ гуна ба ҳузури Ман гардан
фуровардааст? Азбаски ӯ ба ҳузури Ман гардан фуровардааст, он
фалокатро дар айёми ӯ нахоҳам овард, балки дар айёми писараш он
фалокатро бар хонадони ӯ хоҳам овард»+.

## Сулҳи сесола дар миёни Арам ва Исроил. Аҳъоб бо Еҳӯшофот ба муқобили Ромӯт меҷангад.

22 [1] •Ва се сол умр ба сар бурданд, бе он ки дар миёни Арам ва
Исроил ҷанг бошад.
[2] Ва дар соли сеюм чунин воқеъ шуд, ки Еҳӯшофот, подшоҳи
Яҳудо, назди подшоҳи Исроил фурӯд омад+.
[3] Ва подшоҳи Исроил ба навкарони худ гуфт: «Оё медонед, ки
Ромӯт-Ҷилъод аз они мост? Ва мо аз гирифтани он аз дасти подшоҳи
Арам худдорӣ намуда, хомӯш мондаем»+.
[4] Ва ӯ ба Еҳӯшофот гуфт: «Оё бо ман ба ҷанги зидди Ромӯт-Ҷилъод
меравӣ?» Ва Еҳӯшофот ба подшоҳи Исроил гуфт: «Ман мисли ту
ҳастам, қавми ман мисли қавми ту, аспони ман мисли аспони ту»+.
[5] Ва Еҳӯшофот ба подшоҳи Исроил гуфт: «Лутфан, ту имрӯз
каломи Худовандро бипурс».

## Анбиёи козиб ба хузури Аҳъоб.

[6] Ва подшоҳи Исроил анбиёро, ки тақрибан чорсад нафар буданд,
ҷамъ карда, ба онҳо гуфт: «Оё ба ҷанги зидди Ромӯт-Ҷилъод биравам,
ё ки худро боздорам?» Ва онҳо гуфтанд: «Бирав, ва Худованд онро ба
дасти подшоҳ хоҳад супурд»+.
[7] Ва Еҳӯшофот гуфт: «Оё дар ин ҷо боз набии Худованд нест, то ки
аз вай бипурсем?»+
[8] Ва подшоҳи Исроил ба Еҳӯшофот гуфт: «Боз як мард ҳаст, ки ба
воситаи вай аз Худованд пурсидан мумкин аст, вале ман аз вай
нафрат дорам, зеро ки вай дар ҳаққи ман ба хубӣ нубувват
намекунад, балки ба бадӣ; вай Микойҳу ибни Йимла аст». Ва
Еҳӯшофот гуфт: «Подшоҳ чунин нагӯяд».
[9] Ва подшоҳи Исроил як хоҷасарои худро хонда, гуфт: «Микойҳу
ибни Йимларо ба зудӣ биёр».
[10] Ва подшоҳи Исроил ва Еҳӯшофот, подшоҳи Яҳудо, ҳар яке
либосҳои худро пӯшида, бар тахти худ дар майдони даҳани дарвозаи
Сомария нишаста буданд, ва тамоми анбиё ба ҳузури онҳо нубувват
мекарданд.
[11] Ва Сидқиё ибни Канъона шохҳои оҳанин барои худ сохта, гуфт:
«Худованд чунин мегӯяд: „Арамиёнро бо инҳо шох хоҳӣ зад, то ки

тамоман маҳв шаванд“»+.
12 Ва тамоми анбиё ҳамин тавр нубувват карда, мегуфтанд: «Ба
Ромӯт-Ҷилъод бирав, ва комьёб шав, чунки Худованд онро ба дасти
подшоҳ хоҳад супурд».

## Нубуввати Микойҳу.

13 Ва қосиде ки барои хондани Микойҳу рафта буд, ба вай сухан
ронда, гуфт: «Инак, анбиё бо як овоз суханони хуб дар ҳаққи подшоҳ
мегӯянд; бигзор сухани ту низ мисли сухани яке аз онҳо бошад, яъне
ту ҳам сухани хуб бигӯй».
14 Ва Микойҳу гуфт: «Қасам ба ҳаёти Худованд, ки он чи Худованд
ба ман бигӯяд, ҳамонро хоҳам гуфт»+.
15 Ва ӯ назди подшоҳ омад, ва подшоҳ ба ӯ гуфт: «Эй Микойҳу, оё
ба ҷанги зидди Ромӯт-Ҷилъод биравем, ё ки худро боздорем?» Ва ӯ ба
вай гуфт: «Ба Ромӯт-Ҷилъод бирав ва комьёб шав, чунки Худованд
онро ба дасти подшоҳ хоҳад супурд».
16 Ва подшоҳ ба ӯ гуфт: «Чанд маротиба ман туро қасам бидиҳам,
ки ба исми Худованд, ғайр аз он чи рост аст, ба ман нагӯӣ?»
17 Ва ӯ гуфт:
«Тамоми Исроилро
мисли рамае ки чӯпон надорад,
бар кӯҳҳо пароканда дидам.
Ва Худованд гуфт: „Инҳо соҳиб надоранд,
пас бигзор ҳар яке ба хонаи худ ба саломатӣ баргарданд“»+.
18 Ва подшоҳи Исроил ба Еҳӯшофот гуфт: «Оё ба ту нагуфтам, ки
вай дар ҳаққи ман ба хубӣ нубувват намекунад, балки ба бадӣ?»
19 Ва ӯ гуфт: «Пас каломи Худовандро бишнав: ман Худовандро бар
тахти Худ нишаста дидам, ва тамоми лашкари осмон назди Ӯ аз
тарафи рост ва аз тарафи чап истода буданд+.
20 Ва Худованд гуфт: „Кист, ки Аҳъобро розӣ кунад, то ки вай ба
Ромӯт-Ҷилъод рафта фурӯ ғалтад?“ Ва яке ин тавр гуфт, ва дигаре он
тавр гуфт.
21 Ва рӯҳе берун омада, ба ҳузури Худованд истод ва гуфт: „Ман
ӯро розӣ мекунам“. Ва Худованд ба вай гуфт: „Чӣ гуна?“
22 Вай гуфт: „Ман берун омада, рӯҳи козибе дар даҳони тамоми
анбиёи ӯ мегардам“. Ва Ӯ гуфт: „Ту розӣ хоҳӣ кард ва низ

муваффақият хоҳӣ ёфт; пас берун омада, чунин амал намо“.
23 Ва инак, алҳол Худованд рӯҳи козибе дар даҳони тамоми ин
анбиёи ту гузоштааст; вале Худованд дар ҳаққи ту сухани бад
гуфтааст»+.
24 Ва Сидқиё ибни Канъона наздик омада, Микойҳуро торсакӣ зад
ва гуфт: «Бо кадом роҳ Рӯҳи Худованд аз ман убур кардааст, то ки бо
ту сухан гӯяд?»
25 Ва Микойҳу гуфт: «Инак, дар он рӯзе ки ту ба ҳуҷраи дохилӣ
даромада пинҳон шавӣ, инро хоҳӣ дид»+.
26 Ва подшоҳи Исроил гуфт: «Микойҳуро бигир, ва ӯро назди
Амӯн, ҳокими шаҳр, ва Йӯош, писари подшоҳ, баргардон
27 Ва бигӯй: „Подшоҳ чунин мегӯяд: инро дар зиндон биандозед, ва
нони кам ва оби кам варо бихӯронед, то даме ки ман ба саломатӣ
баргардам“»+.
28 Ва Микойҳу гуфт: «Агар ту ба саломатӣ баргардӣ, Худованд ба
воситаи ман сухан нагуфта бошад». Ва гуфт: «Бишнавед, ҳамаи
қавмҳо!»+

## Аҳъоб дар ҳарбу зарби назди Ромӯт-Ҷилъод ба ҳалокат мерасад.

29 Ва подшоҳи Исроил ва Еҳӯшофот, подшоҳи Яҳудо, ба Ромӯт-
Ҷилъод рафтанд.
30 Ва подшоҳи Исроил ба Еҳӯшофот гуфт: «Ман либоси дигар
пӯшида, ба ҷанг медароям, валекин ту либоси худро бипӯш». Ва
подшоҳи Исроил либоси дигар пӯшида, ба ҷанг даромад+.
31 Ва подшоҳи Арам ба сардорони аробаҳояш, ки сию ду нафар
буданд, амр фармуда, гуфт: «На бо хурде ва на бо калоне, балки танҳо
бо подшоҳи Исроил ҷанг кунед».
32 Ва ҳангоме ки сардорони аробаҳо Еҳӯшофотро диданд, гуфтанд:
«Яқинан, подшоҳи Исроил ҳамин аст». Ва давиданд, то ки бо ӯ ҷанг
кунанд. Ва Еҳӯшофот фарьёд зад.
33 Ва чун сардорони аробаҳо диданд, ки ӯ подшоҳи Исроил нест, аз
ӯ дур шуданд.
34 Ва касе зеҳи камонашро тасодуфан кашида, подшоҳи Исроилро
аз миёни кӯкҳои ҷавшанаш зад; ва ӯ ба аробакаши худ гуфт: «Ҷилавро

гардонида, маро аз майдони ҷанг берун барор, зеро ки захмӣ шудаам»+.

35 Ва дар он рӯз ҷанг авҷ гирифт, ва подшоҳро дар аробааш дар рӯ ба рӯи арамиён ба по хезонида нигоҳ медоштанд; ва бегоҳирӯзӣ ӯ мурд, ва хуни ҷароҳаташ ба даруни ароба рехт.

36 Ва дар вақти ғуруби офтоб дар лашкаргоҳ бонг зада, гуфтанд: «Ҳар кас ба шаҳри худ ва ҳар кас ба сарзамини худ биравад!»

37 Ва подшоҳ мурд, ва ӯро ба Сомария оварданд; ва подшоҳро дар Сомария дафн карданд.

38 Ва аробаро дар ҳавзи Сомария, дар ҷое ки фоҳишагон ғусл мекарданд, шустанд, ва сагон хунашро лесиданд, бар тибқи каломе ки Худованд гуфта буд+.

39 Ва бақияи аъмоли Аҳъоб, ва ҳар чи ӯ кард, ва хонаи оҷе ки ӯ бино намуд, ва ҳамаи шаҳрҳое ки ӯ бино намуд, дар китоби вақоеъномаи подшоҳони Исроил навишта шудааст+.

## Подшоҳ шудани Аҳазьё бар Исроил ва Еҳӯшофот бар Яҳудо.

40 Ва Аҳъоб бо падарони худ хобид, ва писараш Аҳазьё ба ҷои ӯ подшоҳ шуд.

41 •Ва Еҳӯшофот ибни Осо дар соли чоруми Аҳъоб, подшоҳи Исроил, бар Яҳудо подшоҳ шуд+.

42 Еҳӯшофот дар вақти подшоҳ шуданаш сию панҷсола буд, ва бисту панҷ сол дар Ерусалим подшоҳӣ кард; ва номи модараш Азубо бинти Шилҳӣ буд.

43 Ва ӯ аз ҳар ҷиҳат бо роҳи падараш Осо рафтор менамуд, аз он дур нашуда, он чиро, ки дар назари Худованд рост аст, ба амал меовард. Аммо баландиҳо барҳам дода нашуд: қавм ҳанӯз бар баландиҳо қурбонӣ мекарданд ва бухур месӯзониданд+.

44 Ва Еҳӯшофот бо подшоҳи Исроил сулҳ баст+.

45 Ва бақияи аъмоли Еҳӯшофот, ва корнамоие ки ӯ кард, ва ҷангҳое ки ӯ бурд, дар китоби вақоеъномаи подшоҳони Яҳудо навишта шудааст.

46 Ва бақияи ливотагаронро, ки дар айёми падараш Осо боқӣ монда буданд, аз рӯи замин маҳв кард+.

47 Ва дар Адӯм подшоҳе набуд, балки волие аз ҷониби подшоҳ
буд+.
48 Еҳӯшофот киштиҳои таршишӣ сохт, то ки барои овардани тилло
ба Ӯфир биравад, вале нарафт, зеро ки киштиҳо дар Эсйӯн-Ҷобар
шикаст+.
49 Он гоҳ Аҳазьё ибни Аҳъоб ба Еҳӯшофот гуфт: «Бигзор навкарони
ман бо навкарони ту дар киштиҳо биравaнд». Вале Еҳӯшофот розӣ
нашуд.

## Фавти Еҳӯшофот; подшоҳ шудани Еҳӯром.

50 Ва Еҳӯшофот бо падарони худ хобид, ва бо падарони худ дар
шаҳри падараш Довуд дафн карда шуд. Ва писараш Еҳӯром ба ҷои ӯ
подшоҳ шуд.
51 Аҳазьё ибни Аҳъоб дар соли ҳабдаҳуми Еҳӯшофот, подшоҳи
Яҳудо, бар Исроил дар Сомария подшоҳ шуд, ва ду сол бар Исроил
подшоҳӣ кард.
52 Ва он чи дар назари Худованд бад буд, ба амал меовард; ва бо
роҳи падараш ва модараш ва бо роҳи Ёробъом ибни Набот, ки
Исроилро гирифтори гуноҳ гардонида буд, рафтор менамуд,
53 Ва Баалро ибодат карда, ба вай саҷда мебурд; ва бо ҳар коре ки
падараш карда буд, Худованд Худои Исроилро ба ғазаб овард.

---

* 4:22 **Кӯр** — воҳиди андозаи ҷисмҳои пошхӯранда, ки ҳаҷмаш ба 400 литр баробар буд.

* 10:17 **Моне** — воҳиди андозаи вазни қадимӣ, ки ба сад сиқл баробар буд.

---

+ 1:2 Воиз 4:11

+ 1:3 Еҳ. 19:18

+ 1:5 2 Подш. 3:4, 2 Подш. 15:1

+ 1:6 1 Вақ. 3:2

+ 1:7 2 Подш. 2:18, 2 Подш. 8:16, 1 Подш. 22:20, 1 Подш. 23:6

+ 1:8 2 Подш. 20:25, 2 Подш. 8:18, 2 Подш. 7:2, 2 Подш. 23:8-39

+ 1:9 2 Подш. 17:17

+ 1:10 2 Подш. 12:24

+ 1:13 1 Вақ. 22:9

+ 1:25 1 Подш. 10:24

+ 1:29 2 Подш. 4:9

+ 1:31 Наҳ. 2:3, Дон. 2:4

+ 1:33 Эст. 6:7-8, 2 Вақ. 32:30

+ 1:34 1 Подш. 10:1, 2 Подш. 15:10, 4 Подш. 9:13

+ 1:38 1 Подш. 30:14, 2 Подш. 8:18

+ 1:42 2 Подш. 15:27, 2 Подш. 18:27

+ 1:44 1 Подш. 30:14, 2 Подш. 8:18

+ 1:46 1 Вақ. 29:23

+ 1:47 Ҳас. 47:30

+ 1:50 Хур. 27:2, 3 Подш. 2:28

+ 1:52 1 Подш. 14:45, 2 Подш. 14:11, Лук. 21:18, Аъм. 27:34

+ 2:2 Еҳ. 23:14

+ 2:3 Так. Шар. 29:9

+ 2:4 2 Подш. 7:16, 3 Подш. 9:5, 2 Вак. 7:18

+ 2:5 2 Подш. 18:5, 2 Подш. 18:14, 2 Подш. 3:27, 2 Подш. 20:10

+ 2:7 2 Подш. 19:37-38, 2 Подш. 17:27-29

+ 2:8 2 Подш. 16:5-13, 2 Подш. 19:23

+ 2:10 Наҳ. 3:16, Аъм. 2:29

+ 2:11 2 Подш. 2:11, 2 Подш. 5:4-5, 1 Вақ. 3:4, 1 Вақ. 29:27

+ 2:12 1 Вақ. 29:23

+ 2:15 1 Вақ. 22:9-10, 1 Вақ. 28:5-7

+ 2:17 3 Подш. 1:1-4

+ 2:22 2 Подш. 16:21-22

+ 2:24 2 Подш. 7:11-13, 1 Вақ. 22:10

+ 2:25 2 Подш. 8:18

+ 2:26 1 Подш. 22:20, 2 Подш. 15:24, Ех. 21:18, Ирм. 1:1, 1 Подш. 23:6

+ 2:27 1 Подш. 2:27-36, 1 Подш. 3:12-14

+ 2:28 2 Подш. 17:25, 2 Подш. 18:14-15, Хур. 27:2, 3 Подш. 1:50

+ 2:31 Хур. 21:14, Ад. 35:33

+ 2:32 2 Подш. 3:27, 2 Подш. 20:10

+ 2:35 3 Подш. 4:4, 1 Вак. 29:22

+ 2:36 2 Подш. 16:5-13

+ 2:37 2 Подш. 15:23

+ 2:39 1 Подш. 21:10, 1 Подш. 27:2

+ 2:43 Воиз 8:2

+ 2:44 2 Подш. 16:5-13

+ 2:45 Мас. 25:5

● 3:1 *2 Вак. 1:7-12*

+ 3:1 3 Подш. 7:8, 3 Подш. 9:16, 2 Вак. 8:11, 3 Подш. 7:1, 3 Подш. 6:38, 3 Подш. 9:15, 3 Подш. 2:10

+ 3:3 3 Подш. 22:43

+ 3:4 1 Вақ. 16:39

+ 3:5 3 Подш. 9:2

+ 3:7 1 Вақ. 22:5, 1 Вақ. 29:1

+ 3:8 Ҳас. 13:16

+ 3:9 Мас. 2:3-6, Яъқ. 1:5

+ 3:12 3 Подш. 4:29-31, 3 Подш. 5:12, 3 Подш. 10:23, Воиз 1:16

+ 3:13 3 Подш. 10:14-29, 1 Вақ. 29:12

+ 3:14 Заб. 90:16

+ 3:15 Ҳас. 40:20, Эст. 1:3, Эст. 2:18, Дон. 5:1, Марқ. 6:21

+ 3:28 Мас. 16:10

+ 4:2 1 Вақ. 6:9

+ 4:3 2 Подш. 8:16, 1 Вақ. 18:15

+ 4:4 3 Подш. 2:35, 2 Подш. 8:18, 2 Подш. 20:25, 1 Вақ. 18:16

+ 4:5 1 Вақ. 27:33

+ 4:6 2 Подш. 20:24, 3 Подш. 5:14, 3 Подш. 12:18

+ 4:11 Ех. 11:2

+ 4:12 Ех. 17:11, Ех. 19:18

+ 4:13 3 Подш. 22:3, Ад. 32:41, Так. Шар. 3:4

+ 4:19 Так. Шар. 3:8-10

+ 4:20 Ҳас. 22:17

+ 4:21 Ҳас. 15:18, 2 Вак. 9:26, Заб. 71:8, Заб. 67:29, Заб. 71:10

+ 4:24 1 Вақ. 22:9

+ 4:25 Мик. 4:4, Зак. 3:10

+ 4:26 3 Подш. 10:26, 2 Вак. 1:14, 2 Вак. 9:25

+ 4:30 3 Подш. 3:12

+ 4:31 1 Вақ. 2:6, Заб. 88:1

+ 4:32 Мас. 1:1, Воиз 12:9, Сур. Сур. 1:1-2

+ 4:34 3 Подш. 10:1, 2 Вак. 9:23

● 5:1 *2 Вак. 2:3-18*

+ 5:1 2 Подш. 5:11, 1 Вақ. 15:1

+ 5:3 1 Вақ. 22:8, 1 Вақ. 28:3

+ 5:4 1 Вақ. 22:9

+ 5:5 2 Подш. 7:13, 1 Вақ. 17:12, 1 Вақ. 22:10, 1 Вақ. 28:6

+ 5:12 3 Подш. 3:12

+ 5:13 3 Подш. 9:15, 2 Вақ. 8:9

+ 5:14 3 Подш. 4:6

+ 5:17 1 Вақ. 22:2

+ 5:18 Ех. 13:5

● 6:1 *2 Вақ. 3*

+ 6:4 Ҳиз. 40:16, Ҳиз. 41:16, Ҳиз. 41:26

+ 6:5 Ҳиз. 41:6

+ 6:7 Так. Шар. 27:5

+ 6:12 2 Подш. 7:13, 2 Подш. 7:16

+ 6:13 Хур. 25:8, Так. Шар. 31:6

+ 6:16 3 Подш. 6:33

+ 6:18 3 Подш. 7:24

+ 6:22 Хур. 30:1, Хур. 30:3, Хур. 30:6

+ 6:23 Хур. 25:18-20

+ 6:34 Ҳиз. 41:24

+ 6:36 3 Подш. 7:12, Эзр. 6:4

+ 7:1 3 Подш. 9:10, 2 Вак. 8:1

+ 7:2 3 Подш. 10:17-21

+ 7:6 Ҳиз. 41:25

+ 7:7 Заб. 121:5

+ 7:8 3 Подш. 3:1, 2 Вак. 8:11

+ 7:12 3 Подш. 6:36

● 7:13 *2 Вак. 3:15-17, 2 Вак. 4:2-5, 2 Вак. 4:11-22*

+ 7:13 2 Вак. 2:13-14

+ 7:14 Хур. 31:3-5, Хур. 35:31

+ 7:15 4 Подш. 25:16-17, Ирм. 52:21-23

+ 7:23 4 Подш. 16:17

+ 7:24 3 Подш. 6:18

+ 7:40 Хур. 27:3, Хур. 38:3

+ 7:46 Еҳ. 3:16, Еҳ. 13:27

+ 7:47 4 Подш. 25:16, Ирм. 52:20

+ 7:48 Хур. 37:25-29, Хур. 25:30, Хур. 37:10-16

+ 7:49 Хур. 25:31-40

+ 7:50 Хур. 27:3

+ 7:51 2 Подш. 8:11-12, 1 Вақ. 18:11

● 8:1 *2 Вак. 5:2-14*

+ 8:1 2 Подш. 5:7-9

+ 8:2 Иб. 23:34

+ 8:6 Хур. 25:22, Хур. 26:33-34

+ 8:7 3 Подш. 6:27, 2 Вак. 3:10-13, 2 Вак. 5:8, Хур. 25:13-15

+ 8:9 Хур. 16:33-34, Ад. 17:10, Хур. 25:21, Хур. 40:20, Так. Шар. 10:5

+ 8:10 Хур. 40:34-35, Иш. 6:4, Ваҳй 15:8

+ 8:12 Заб. 17:12, Заб. 96:2

● 8:14 *2 Вак. 6:3-11*

+ 8:14 2 Подш. 6:18

+ 8:16 2 Подш. 7:6-8, 1 Вақ. 17:5-7

+ 8:17 2 Подш. 7:2, 1 Вақ. 17:1, 1 Вақ. 22:7

+ 8:19 2 Подш. 7:12-13

+ 8:20 1 Вақ. 28:5

● 8:22 *2 Вақ. 6:12-42*

+ 8:22 Эзр. 9:5

+ 8:23 Хур. 15:11

+ 8:25 2 Подш. 7:16, 3 Подш. 2:4

+ 8:26 2 Вақ. 1:9, 2 Вақ. 6:17

+ 8:27 2 Вақ. 2:6, Иш. 66:1, Аъм. 7:48, Аъм. 17:24

+ 8:29 Так. Шар. 12:11

+ 8:31 Хур. 22:11

+ 8:33 Иб. 26:17

+ 8:35 Так. Шар. 11:17, 3 Подш. 17:1, Ҳаҷ. 1:10

+ 8:36 1 Подш. 12:23

+ 8:37 Иб. 26:16, Так. Шар. 28:22, Ом. 4:9, Ҳаҷ. 2:17

+ 8:39 1 Вак. 28:9, Аъм. 1:24

+ 8:41 Заб. 101:16

+ 8:46 Мас. 20:9, Воиз 7:20, Яъқ. 3:2, 1 Юҳ. 1:8-10, Рум. 3:23

+ 8:47 Иб. 26:40, Наҳ. 9:2, Дон. 9:4-5

+ 8:48 Ирм. 29:12-14

+ 8:50 Заб. 105:46

+ 8:51 Так. Шар. 4:20, Ирм. 11:4

+ 8:53 Хур. 19:5, Так. Шар. 14:2

+ 8:54 2 Подш. 6:18

+ 8:56 Еҳ. 21:45, Еҳ. 23:14

+ 8:58 Заб. 118:36

+ 8:60 Так. Шар. 4:35, Так. Шар. 4:39

● 8:62 *2 Вак. 7:4-10*

+ 8:64 2 Вак. 4:1

+ 8:65 Иб. 23:34

● 9:1 *2 Вак. 7:11-22*

+ 9:2 3 Подш. 3:5

+ 9:3 Так. Шар. 11:12

+ 9:4 Заб. 77:72

+ 9:5 3 Подш. 2:4

+ 9:7 Так. Шар. 4:26, Так. Шар. 28:37

+ 9:8 Иб. 26:32, Так. Шар. 29:24, Ирм. 22:8, Ирм. 52:13

● 9:10 *2 Вак. 8*

+ 9:10 3 Подш. 6:38, 3 Подш. 7:1

+ 9:15 3 Подш. 5:13, 3 Подш. 7:1, 3 Подш. 7:51, 2 Подш. 5:9

+ 9:16 Ех. 16:10, 3 Подш. 3:1, 3 Подш. 7:8

+ 9:17 Ех. 10:10-11

+ 9:19 3 Подш. 4:26, 3 Подш. 10:26, 2 Вак. 1:14, 2 Вак. 9:25

+ 9:22 Иб. 25:9, 3 Подш. 5:13

+ 9:24 3 Подш. 3:1, 3 Подш. 7:8, 2 Подш. 5:9

+ 9:26 Так. Шар. 2:8, 3 Подш. 22:48

+ 9:27 3 Подш. 10:11

+ 9:28 Ҳас. 10:29, 1 Вақ. 29:4, Айюб 22:24, Айюб 28:16, Заб. 44:10, Иш. 13:12

● 10:1 *2 Вақ. 9:1-12*

+ 10:1 Заб. 71:10, Заб. 71:15, Иш. 60:6, Ирм. 6:20, Ҳиз. 27:22, Ҳиз. 38:13, Юил 3:8, 3 Подш. 4:34

+ 10:2 Мат. 12:42, Луқ. 11:31

+ 10:9 2 Вақ. 2:11, 2 Подш. 8:15

+ 10:11 3 Подш. 9:27-28

● 10:14 *2 Вақ. 9:12-28*

+ 10:17 3 Подш. 14:26, 3 Подш. 7:2

+ 10:21 3 Подш. 7:2

+ 10:22 Иш. 23:1, Юн. 1:3

+ 10:23 3 Подш. 3:12-13, 2 Вақ. 1:12

+ 10:24 3 Подш. 4:34, 3 Подш. 10:1, 2 Вақ. 9:1

+ 10:26 3 Подш. 4:26, 2 Вак. 1:14-17, 3 Подш. 9:19

+ 10:28 Так. Шар. 17:16, 2 Вак. 1:14-16

+ 11:2 Хур. 34:16, Так. Шар. 7:3-4

+ 11:4 3 Подш. 15:4, Наҳ. 13:26

+ 11:5 Дов. 2:13

+ 11:7 Ад. 21:29, 4 Подш. 23:13

+ 11:9 3 Подш. 3:5, 3 Подш. 9:2

+ 11:10 3 Подш. 9:6

+ 11:11 3 Подш. 11:31

+ 11:13 Так. Шар. 12:5, Так. Шар. 12:11

+ 11:15 2 Подш. 8:13, 1 Вақ. 18:13

+ 11:18 Ад. 10:12

+ 11:23 2 Подш. 10:16

+ 11:24 2 Подш. 8:3, 2 Подш. 10:18

+ 11:27 2 Подш. 5:9, 3 Подш. 9:24

+ 11:29 3 Подш. 12:15, 3 Подш. 14:2, 3 Подш. 15:29, 2 Вак. 9:29

+ 11:30 1 Подш. 15:27

+ 11:31 3 Подш. 11:11

+ 11:33 Ад. 21:29, Дов. 2:13, 4 Подш. 23:13

+ 11:36 2 Подш. 21:17, 4 Подш. 8:20

+ 11:38 2 Подш. 7:16

+ 11:40 3 Подш. 14:25, 2 Вак. 12:2

● 11:41 *2 Вак. 9:29-31*

● 12:1 *2 Вак. 10:1*

+ 12:1 Дов. 9:6

+ 12:2 3 Подш. 11:26, 3 Подш. 11:40

+ 12:4 3 Подш. 4:7, 3 Подш. 4:22, 3 Подш. 9:15

+ 12:13 Мас. 15:1

+ 12:15 3 Подш. 11:31

+ 12:16 2 Подш. 20:1

+ 12:18 3 Подш. 4:6, 3 Подш. 5:14

+ 12:20 Ҳуш. 8:4

+ 12:22 2 Вак. 12:5, 2 Вак. 12:15

+ 12:25 Дов. 9:45, Дов. 8:17

+ 12:27 Так. Шар. 12:5-6

+ 12:28 4 Подш. 10:29, 4 Подш. 17:16, 2 Вак. 11:15, 2 Вак. 13:8, Ҳуш. 8:5-6, Ҳуш. 10:5, Ҳуш. 13:2, Хур. 32:4

+ 13:1 4 Подш. 23:17

+ 13:2 4 Подш. 23:15-16, Ом. 3:14

+ 13:6 Марқ. 3:5, Яък. 5:16

+ 13:8 Ад. 22:18

+ 13:24 3 Подш. 20:36

+ 13:34 3 Подш. 14:10

+ 14:2 Еҳ. 18:1, 3 Подш. 11:29-31

+ 14:3 1 Подш. 9:7-8

+ 14:7 3 Подш. 16:2

+ 14:8 3 Подш. 11:31

+ 14:9 3 Подш. 12:28, Хиз. 23:35

+ 14:10 Так. Шар. 32:36, 3 Подш. 15:29, 3 Подш. 21:21, 4 Подш. 9:8

+ 14:11 3 Подш. 16:4, 3 Подш. 21:24

+ 14:13 2 Вак. 19:3

+ 14:14 3 Подш. 15:27-30

+ 14:15 Так. Шар. 29:28

+ 14:19 2 Вак. 13:2-20

● 14:21 *2 Вак. 12:1-2, 2 Вак. 12:9-16*

+ 14:24 Так. Шар. 23:17

+ 14:25 3 Подш. 11:40

+ 14:26 3 Подш. 10:17

● 15:1 *2 Вак. 13:1*

+ 15:3 3 Подш. 11:4

+ 15:4 2 Подш. 21:17, 3 Подш. 11:36

+ 15:5 2 Подш. 11:3-17

- 15:9 *2 Вак. 14:2-5, 2 Вак. 15:16*
- 15:12 Так. Шар. 23:17, 3 Подш. 14:24
- 15:13 4 Подш. 23:4, 4 Подш. 23:6, 4 Подш. 23:12
- 15:15 3 Подш. 7:51
- 15:18 3 Подш. 14:26, 4 Подш. 12:18
- 15:21 Сур. Сур. 6:4
- 15:24 3 Подш. 22:2
- 15:25 3 Подш. 14:20
- 15:27 Еҳ. 19:44, Еҳ. 21:23-24
- 15:29 3 Подш. 14:10-11, 3 Подш. 14:14, 3 Подш. 21:21
- 16:1 2 Вак. 19:2, 2 Вак. 20:34
- 16:2 3 Подш. 14:7
- 16:3 3 Подш. 15:29, 3 Подш. 16:12
- 16:4 3 Подш. 14:11, 3 Подш. 21:24
- 16:9 4 Подш. 9:31
- 16:12 3 Подш. 16:3

+ 16:15 Еҳ. 19:44, Еҳ. 21:23, 3 Подш. 15:27

+ 16:25 Мик. 6:16

+ 16:30 3 Подш. 21:25

+ 16:31 Ваҳй 2:20, Хур. 34:16, Ҳуш. 2:13

+ 16:32 4 Подш. 10:21

+ 16:34 Еҳ. 6:26

+ 17:1 Ҳач. 1:11

+ 17:9 Уб. 1:20, Луқ. 4:26

+ 17:21 4 Подш. 4:34-35, Аъм. 20:10

+ 18:4 4 Подш. 9:7

+ 18:12 4 Подш. 2:16, Ҳиз. 3:12, Ҳиз. 8:3, Аъм. 8:39

+ 18:20 Еҳ. 19:26

+ 18:21 4 Подш. 17:41, Еҳ. 24:15

+ 18:22 3 Подш. 19:10, 3 Подш. 19:14, 3 Подш. 19:18

+ 18:29 4 Подш. 4:31

+ 18:31 Ҳас. 32:28, Ҳас. 35:10, 4 Подш. 17:34

+ 18:36 1 Подш. 17:46

+ 18:38 Иб. 9:24, Дов. 6:21, 1 Вақ. 21:26, 2 Вақ. 7:1

+ 18:39 Заб. 99:3

+ 18:40 Дов. 4:7, 4 Подш. 10:25

+ 18:45 Яъқ. 5:18

+ 18:46 4 Подш. 3:15, Ҳиз. 1:3, Ҳиз. 3:14, Еҳ. 19:18

+ 19:3 Ҳас. 21:31

+ 19:4 Айюб 6:9, Юн. 4:3, Юн. 4:8

+ 19:8 Хур. 24:18, Хур. 34:28, Так. Шар. 9:9, Хур. 3:1

+ 19:10 3 Подш. 18:4, Рум. 11:3

+ 19:11 Хур. 24:12, Хур. 34:2, Иш. 29:6, Ирм. 23:19, Ирм. 30:23, Ҳиз. 1:4

+ 19:12 Хур. 3:2, Айюб 4:16

+ 19:14 3 Подш. 18:22

+ 19:15 4 Подш. 8:13-15

+ 19:16 4 Подш. 9:1-6, 4 Подш. 2:9-15

+ 19:17 4 Подш. 2:24, Ҳуш. 6:5

+ 19:18 Рум. 11:4

+ 19:20 Луқ. 9:61-62

+ 19:21 2 Подш. 24:22

+ 20:1 3 Подш. 15:18, 4 Подш. 6:24, 4 Подш. 8:7, 3 Подш. 16:24

+ 20:7 4 Подш. 5:7

+ 20:22 2 Подш. 11:1, 2 Вак. 36:10

+ 20:26 1 Подш. 29:1

+ 20:34 3 Подш. 15:20

+ 20:36 3 Подш. 13:24

+ 20:39 4 Подш. 10:24

+ 20:40 Айюб 9:20, Айюб 15:6, Луқ. 9:22

+ 21:2 1 Подш. 8:14

+ 21:3 Ад. 36:7, Ҳиз. 46:18

+ 21:4 3 Подш. 20:43

+ 21:8 2 Подш. 11:14

+ 21:10 Хур. 22:28, Иб. 24:16

+ 21:17 3 Подш. 17:1

+ 21:19 3 Подш. 22:38, 4 Подш. 9:24-26

+ 21:21 4 Подш. 9:8, 4 Подш. 10:7

+ 21:22 3 Подш. 15:29, 3 Подш. 16:11

+ 21:23 4 Подш. 9:10, 4 Подш. 9:36

+ 21:24 3 Подш. 14:10, 3 Подш. 16:4

+ 21:25 3 Подш. 16:31, Ваҳй 2:20

+ 21:26 Ҳас. 15:16, 4 Подш. 21:11

+ 21:29 4 Подш. 9:25, 4 Подш. 10:1-7

● 22:1 *2 Вак. 18:2-34*

+ 22:2 3 Подш. 15:24

+ 22:3 Так. Шар. 4:43, Ех. 21:38-39

+ 22:4 4 Подш. 3:7

+ 22:6 3 Подш. 18:19

+ 22:7 4 Подш. 3:11

+ 22:11 Так. Шар. 33:17, Мик. 4:13, Зак. 1:18-19

+ 22:14 Ад. 22:18, Ад. 24:13

+ 22:17 Ад. 27:17, Ҳиз. 34:5

+ 22:19 Иш. 6:1, Дон. 7:9, Ваҳй 4:2

+ 22:23 Ирм. 20:7, Ҳиз. 14:9

+ 22:25 3 Подш. 20:30

+ 22:27 2 Вак. 16:10

+ 22:28 Ад. 16:29, Мик. 1:2

+ 22:30 4 Подш. 5:22

+ 22:34 2 Вак. 35:23

+ 22:38 3 Подш. 21:19

+ 22:39 Ом. 3:15

● 22:41 *2 Вак. 20:31*

+ 22:41 3 Подш. 15:24

+ 22:43 3 Подш. 3:3, 3 Подш. 15:14

+ 22:44 2 Вак. 18:1

+ 22:46 Так. Шар. 23:17, 3 Подш. 15:12

+ 22:47 2 Подш. 8:14, 4 Подш. 8:20

+ 22:48 3 Подш. 9:28, 1 Вақ. 29:4, Айюб 22:24, Айюб 28:16, Заб. 44:8, Иш. 13:12, Так. Шар. 2:8

*КИТОБИ*

# ЧОРУМИ ПОДШОҲОН


1 2 3 4 5 6 7 8 9 10

11 12 13 14 15 16 17 18 19 20

21 22 23 24 25

## Исьёни Мӯоб. Бемории подшоҳ Аҳазьё.

1 [1] Ва Мӯоб, баъд аз фавти Аҳъоб, ба муқобили Исроил исьён
бардошт+.
[2] Ва Аҳазьё аз панҷараи болохонаи худ, ки дар Сомария буд,
афтода, нотоб шуд; ва қосидонро фиристода, ба онҳо гуфт: «Рафта, аз
Баал-Забуб, худои Эқрӯн, бипурсед, ки оё ман аз ин нотобии худ
шифо хоҳам ёфт?»+

## Ильёс ва Аҳазьё.

[3] Ва фариштаи Худованд ба Ильёси тишбӣ гуфт: «Бархоста, ба
истиқболи қосидони подшоҳи Сомария баро, ва ба онҳо бигӯй:
„Магар дар Исроил Худо нест, ки шумо барои пурсидан аз Баал-
Забуб, худои Эқрӯн, меравед?“+
[4] Бинобар ин Худованд чунин мегӯяд: „Аз бистаре ки бар он
хобидаӣ, фурӯд нахоҳӣ омад, балки ҳатман хоҳӣ мурд“». Ва Ильёс
рафт.
[5] Ва қосидон назди ӯ баргаштанд; ва ӯ ба онҳо гуфт: «Чаро
баргаштед?»
[6] Ва ба ӯ гуфтанд: «Шахсе ба истиқболи мо баромад, ва ба мо гуфт:
„Рафта, назди подшоҳе ки шуморо фиристодааст, баргардед, ва ба
вай бигӯед: Худованд чунин мегӯяд: магар дар Исроил Худо нест, ки
ту барои пурсидан аз Баал-Забуб, худои Эқрӯн, мефиристӣ? Бинобар
ин аз бистаре ки бар он хобидаӣ, фурӯд нахоҳӣ омад, балки ҳатман
хоҳӣ мурд“».
[7] Ва ба онҳо гуфт: «Намуди он шахсе ки ба истиқболи шумо
баромада, ин суханонро ба шумо гуфтааст, чӣ гуна буд?»
[8] Ва ба ӯ гуфтанд: «Вай марди мӯйдоре буд, ва камарбанди чармин
бар камараш баста буд». Ва ӯ гуфт: «Вай Ильёси тишбӣ будааст»+.
[9] Ва мирипанҷоҳро бо панҷоҳ нафараш назди вай фиристод. Ва ӯ
назди вай омад, ва инак вай бар қуллаи кӯҳ нишаста буд, ва ба вай
гуфт: «Эй марди Худо! Подшоҳ мегӯяд: „Фурӯд ой“».
[10] Ва Ильёс ҷавоб гардонида, ба мирипанҷоҳ гуфт: «Агар ман
марди Худо бошам, бигзор оташ аз осмон фурӯ рехта, туро бо панҷоҳ
нафарат бисӯзонад». Ва оташ аз осмон фурӯ рехта, ӯро бо панҷоҳ
нафараш сӯзонид+.

11 Ва боз мирипанҷоҳи дигарро бо панҷоҳ нафараш назди вай фиристод. Ва ӯ ба вай сухан ронда, гуфт: «Эй марди Худо! Подшоҳ чунин мегӯяд: „Бо зудӣ фурӯд ой“».

12 Ва Ильёс ҷавоб гардонида, ба онҳо гуфт: «Агар ман марди Худо бошам, бигзор оташ аз осмон фурӯ рехта, туро бо панҷоҳ нафарат бисӯзонад». Ва оташи Худо аз осмон фурӯ рехта, ӯро бо панҷоҳ нафараш сӯзонид.

13 Ва боз мирипанҷоҳи сеюмро бо панҷоҳ нафари ӯ фиристод. Ва мирипанҷоҳи сеюм равона шуда, расид ва пеши Ильёс бар зонуҳояш афтод, ва аз ӯ зорию илтиҷо намуда, гуфт: «Эй марди Худо! Лутфан, ҷони ман ва ҷони ин панҷоҳ нафар бандагонат дар назари ту азиз бошад.

14 Инак, оташ аз осмон фурӯ рехта, ду мирипанҷоҳи аввалро бо панҷоҳ нафари онҳо сӯзонид; ва алҳол ҷони ман дар назари ту азиз бошад».

15 Ва фариштаи Худованд ба Ильёс гуфт: «Бо вай фурӯд ой, аз вай натарс». Ва ӯ бархоста, бо вай назди подшоҳ фурӯд омад.

16 Ва ба ӯ гуфт: «Худованд чунин мегӯяд: „Азбаски қосидонро барои пурсидан аз Баал-Забуб, худои Эқрӯн, фиристодаӣ, — гӯё ки дар Исроил Худо набошад, то ки каломи Ӯро бипурсӣ, — бинобар ин аз бистаре ки бар он хобидаӣ, фурӯд нахоҳӣ омад, балки ҳатман хоҳӣ мурд“».

## Фавти Аҳазьё.

17 Ва ӯ бар тибқи каломи Худованд, ки Ильёс ба забон ронда буд, мурд, ва Йӯром дар соли дуюми Еҳӯром ибни Еҳӯшофот, подшоҳи Яҳудо, ба ҷои ӯ подшоҳ шуд, чунки ӯ писар надошт.

18 Ва бақияи аъмоли Аҳазьё, ки кард, дар китоби воқеъномаи подшоҳони Исроил навишта шудааст.

## Ба осмон баровarда шудани Ильёс.

**2** 1 Ва ҳангоме ки Худованд Ильёсро дар гирдбод ба осмон баровардани шуд, Ильёс бо Элишоъ аз Ҷилҷол мерафт+.

2 Ва Ильёс ба Элишоъ гуфт: «Лутфан, дар ин ҷо бимон, зеро ки Худованд маро ба Байт-Ил фиристодааст». Ва Элишоъ гуфт: «Ба ҳаёти Худованд ва ба ҳаёти ту қасам, ки ман туро тарк нахоҳам кард». Ва онҳо ба Байт-Ил фурӯд омаданд.

3 Ва банӣ-анбиёе ки дар Байт-Ил буданд, назди Элишоъ берун омаданд, ва ба ӯ гуфтанд: «Оё ту медонӣ, ки имрӯз Худованд оғоятро аз болои сарат хоҳад гирифт?» Ва ӯ гуфт: «Ман ҳам медонам, хомӯш бошед».

4 Ва Ильёс ба ӯ гуфт: «Эй Элишоъ, лутфан, дар ин ҷо бимон, зеро ки Худованд маро ба Ериҳӯ фиристодааст». Ва ӯ гуфт: «Ба ҳаёти Худованд ва ба ҳаёти ту қасам, ки ман туро тарк нахоҳам кард». Ва онҳо ба Ериҳӯ омаданд+.

5 Ва банӣ-анбиёе ки дар Ериҳӯ буданд, ба Элишоъ наздик омада, гуфтанд: «Оё ту медонӣ, ки имрӯз Худованд оғоятро аз болои сарат хоҳад гирифт?» Ва ӯ гуфт: «Ман ҳам медонам, хомӯш бошед».

6 Ва Ильёс ба ӯ гуфт: «Лутфан, дар ин ҷо бимон, зеро ки Худованд маро ба Урдун фиристодааст». Ва ӯ гуфт: «Ба ҳаёти Худованд ва ба ҳаёти ту қасам, ки ман туро тарк нахоҳам кард». Ва ҳар дуяшон рафтанд.

7 Ва панҷоҳ нафар аз банӣ-анбиё рафта, дар рӯ ба рӯи онҳо аз дур истоданд. Ва ҳар дуяшон назди Урдун истода буданд.

8 Ва Ильёс ридои худро гирифта, лӯла кард, ва обро зад, ва он пора шуда ба ин тараф ва он тараф ақиб рафт, ва ҳар дуяшон дар хушкӣ убур карданд+.

9 Ва баъд аз он ки убур карданд, Ильёс ба Элишоъ гуфт: «Хоҳиш намо, ки барои ту чӣ кунам, пеш аз он ки аз ту гирифта шавам». Ва Элишоъ гуфт: «Лутфан, бигзор рӯҳи ту бар ман дучанд насиб гардад»+.

10 Ва ӯ гуфт: «Чизи мушкиле ту хоҳиш намудӣ. Агар бубинӣ, ки чӣ гуна ман аз ту гирифта мешавам, бароят чунин хоҳад шуд, вагар на — нахоҳад шуд».

[11] Ва ҳангоме ки онҳо қадам зада мерафтанду сухан меронданд,
инак, аробаи оташин ва аспони оташин пайдо шуда, онҳоро аз
якдигар ҷудо карданд, ва Ильёс дар гирдбод ба осмон сууд намуд.

## Рӯҳе ки бар Ильёс буд, бар Элишоъ қарор мегирад.

[12] Ва Элишоъ инро дида, фарьёд зад: «Эй падарам, падарам! Эй
аробаи Исроил ва саворонаш!» Ва ӯро дигар надид, ва либосҳои худро
гирифта, ду пора кард+.
[13] Ва ридои Ильёсро, ки аз китфаш афтода буд, бардошт, ва
баргашта, дар соҳили Урдун истод.
[14] Ва ридои Ильёсро, ки аз китфаш афтода буд, гирифт, ва обро
зада, гуфт: «Худованд Худои Ильёс куҷост?» Ҳамин ки ӯ низ обро зад,
он пора шуда ба ин тараф ва он тараф ақиб рафт, ва Элишоъ убур
кард.
[15] Ва банӣ-анбиёе ки дар Ериҳӯ дар рӯ ба рӯяш буданд, ӯро дида,
гуфтанд: «Рӯҳи Ильёс бар Элишоъ қарор гирифтааст». Ва ба
истиқболи ӯ омада, ба ӯ то замин таъзим карданд.

## Банӣ-анбиё, дониш дошта бошанд ҳам, имон надоранд.

[16] Ва ба ӯ гуфтанд: «Инак, бо бандагонат панҷоҳ марди пурзӯр
ҳастанд; бигзор онҳо рафта, оғоятро ҷустуҷӯ намоянд: шояд, рӯҳи
Худованд ӯро бардошта, бар яке аз кӯҳҳо ва ё дар яке аз дараҳо
партофта бошад». Вале ӯ гуфт: «Нафиристед»+.
[17] Валекин онҳо ба ӯ бисьёр исрор карданд, ба тавре ки ӯ безор
шуда, гуфт: «Бифиристед». Ва панҷоҳ нафарро фиристоданд, ва онҳо
се рӯз ҷустуҷӯ намуданд, вале ӯро наёфтанд.
[18] Ва назди ӯ баргаштанд, дар сурате ки ӯ дар Ериҳӯ буд; ва ӯ ба
онҳо гуфт: «Ман, охир, ба шумо гуфтам, ки наравед».
[19] Ва аҳли шаҳр ба Элишоъ гуфтанд: «Инак, мавзеи ин шаҳр хуб
аст, чунон ки оғои мо мебинад; валекин обаш ганда, ва заминаш
бачакуш аст».
[20] Ва ӯ гуфт: «Ба ман косаи наве биёред ва намак дар он
биандозед». Ва ба ӯ оварданд.
[21] Ва ӯ назди сарчашмаи об берун рафта, намакро дар он андохт, ва
гуфт: «Худованд чунин мегӯяд: „Ман ин обро шифо бахшидам, ва аз
он дигар мавт ва бачамурӣ рӯй нахоҳад дод“».

[22] Ва он об шифо ёфт, ки то имрӯз чунин аст, бар тибқи сухане ки
Элишоъ гуфтааст.
[23] Ва аз он ҷо ӯ ба Байт-Ил равона шуд; ва ҳангоме ки ӯ дар роҳ
мерафт, бачагони хурд аз шаҳр берун омада, ӯро истеҳзокунон
гуфтанд: «Эй кал, бирав! Эй кал, бирав!»+
[24] Ва ӯ ба пушташ нигариста, онҳоро дид, ва онҳоро ба исми
Худованд лаънат гуфт. Ва ду хирс аз ҷангал берун омада, аз онҳо
чилу ду писарбачаро дариданд.
[25] Ва аз он ҷо ӯ ба кӯҳи Кармил рафт, ва аз он ҷо ба Сомария
баргашт+.

## Подшоҳии Йӯром бар Исроил.

3 1 Ва Йӯром ибни Аҳъоб дар соли ҳаждаҳуми Еҳӯшофот,
подшоҳи Яҳудо, бар Исроил дар Сомария подшоҳ шуд, ва дувоздаҳ
сол подшоҳӣ кард.
2 Ва он чи дар назари Худованд бад буд, ба амал овард, лекин на
мисли падараш ва модараш; ва сутуни Баалро, ки падараш сохта буд,
дур кард+.
3 Аммо ба гуноҳҳои Ёробъом ибни Набот, ки Исроилро гирифтори
гуноҳ гардонида буд, часпида, аз онҳо дур нашуд+.
4 Ва Мешаъ, подшоҳи Мӯоб, чорводор буд, ва ба подшоҳи Исроил
сад ҳазор меш ва сад ҳазор қӯчқор бо пашми он мефиристод.
5 Ва ҳангоме ки Аҳъоб мурд, подшоҳи Мӯоб ба муқобили подшоҳи
Исроил исьён бардошт+.
6 Ва подшоҳ Йӯром дар он рӯз аз Сомария берун омад, ва тамоми
Исроилро аз назар гузаронид.
7 Ва рафта, ба Еҳӯшофот, подшоҳи Яҳудо, фиристод ва гуфт:
«Подшоҳи Мӯоб ба муқобили ман исьён бардоштааст; оё ту бо ман ба
ҷанги зидди Мӯоб меравӣ?» Вай гуфт: «Меравам; ман мисли ту
ҳастам, қавми ман мисли қавми ту, аспони ман мисли аспони ту»+.
8 Ва ӯ гуфт: «Бо кадом роҳ меравем?» Вай гуфт: «Бо роҳи биёбони
Адӯм».
9 Ва подшоҳи Исроил ва подшоҳи Яҳудо ва подшоҳи Адӯм равона
шуда, роҳи ҳафтрӯзаро давр заданд, ва барои қӯшун ва чорпоёне ки
ҳамроҳи онҳо буданд, об набуд+.

## Элишоъ иттифоқи Йӯром ва Еҳӯшофотро мазаммат менамояд.

10 Ва подшоҳи Исроил гуфт: «Оҳ, Худованд ин се подшоҳро даъват
намудааст, то ки онҳоро ба дасти Мӯоб бисупорад»+.
11 Ва Еҳӯшофот гуфт: «Оё набии Худованд дар ин ҷо нест, то ки ба
воситаи вай аз Худованд бипурсем?» Ва яке аз навкарони подшоҳи
Исроил ҷавоб гардонида, гуфт: «Элишоъ ибни Шофот, ки ба дасти
Ильёс об мерехт, ин ҷост»+.
12 Ва Еҳӯшофот гуфт: «Каломи Худованд бо ӯст». Ва подшоҳи
Исроил ва Еҳӯшофот ва подшоҳи Адӯм назди вай фурӯд омаданд.

[13] Ва Элишоъ ба подшоҳи Исроил гуфт: «Маро бо ту чӣ кор аст?
Назди анбиёи падарат ва анбиёи модарат бирав». Ва подшоҳи Исроил
ба вай гуфт: «Не, зеро ки Худованд ин се подшоҳро даъват намудааст,
то ки онҳоро ба дасти Мӯоб бисупорад»+.
[14] Ва Элишоъ гуфт: «Ба ҳаёти Худованди лашкарҳо, ки ба ҳузураш
истодаам, қасам мехӯрам, ки агар ман поси хотири Еҳӯшофот,
подшоҳи Яҳудоро намедоштам, ба тарафи ту нигоҳ намекардам ва
туро намедидам.
[15] Ва алҳол мутрибе барои ман биёред». Ва ҳамин ки мутриб ба
навохтан сар кард, дасти Худованд бар вай омад+.

## Элишоъ ғалабаро пешгӯӣ мекунад.

[16] Ва гуфт: «Худованд чунин мегӯяд: „Ин водиро пур аз хандақҳо
бисоз“.
[17] Зеро ки Худованд чунин мегӯяд: „Боде нахоҳед дид ва бороне
нахоҳед дид, вале ин водӣ аз об пур хоҳад шуд, ва шумо ва рамаҳои
шумо ва чорпоёни шумо хоҳед нӯшид“.
[18] Вале ин дар назари Худованд кам аст, ва Ӯ Мӯобро низ ба дасти
шумо хоҳад супурд.
[19] Ва шумо ҳар шаҳри ҳисордор ва ҳар шаҳри гузинро зарба хоҳед
зад, ва ҳар дарахти хубро хоҳед бурид, ва ҳар чашмаи обро хоҳед
баст, ва ҳар қитъаи хубро бо сангҳо табоҳ хоҳед кард»+.
[20] Ва бомдодон, ҳангоми тақдим кардани ҳадияи ордӣ, чунин
воқеъ шуд, ки об аз роҳи Адӯм омад, ва замин аз об пур шуд+.
[21] Ва тамоми аҳли Мӯоб шуниданд, ки подшоҳон барои ҷангидан
ба муқобили онҳо баромадаанд; ва ҳар касе ки метавонист шамшер
ба камар бибандад, аз ҷавон то пир, ҷамъ омада, дар сарҳад
истоданд.
[22] Ва субҳидам бархостанд, дар сурате ки офтоб бар об нурафшон
буд, ва аҳли Мӯоб он обро аз дур мисли хун сурх диданд
[23] Ва гуфтанд: «Ин хун аст; подшоҳон, зоҳиран, муҳориба намуда,
якдигарро куштаанд; ва алҳол, эй аҳли Мӯоб, барои гирифтани
ғанимат шитоб кунед!»
[24] Ва онҳо ба ӯрдугоҳи Исроил омаданд; ва исроилиён бархоста,
мӯобиёнро зарба заданд, ба тавре ки онҳо аз пешашон гурехтанд,
вале инҳо паи ҳам ба мӯобиён зарба мерасониданд.

25 Ва шаҳрҳоро хароб карданд, ва ба ҳар китъаи хуб ҳар кас санги
худро партофта, онро пур карданд, ва ҳар чашмаи обро бастанд, ва
ҳар дарахти хубро буриданд, ба тавре ки фақат ҳисори сангини Қир-
Ҳаросет боқӣ монд; ва фалохунандозон онро иҳота намуда, хароб
карданд+.
26 Ва подшоҳи Мӯоб дид, ки ҷанг ба ӯ сахтӣ мекунад, ва ӯ ҳафтсад
шамшерзанро гирифт, то ки ба тарафи подшоҳи Адӯм зада дарояд,
валекин натавонистанд.
27 Ва ӯ писари нахустзодаи худро, ки мебоист ба ҷояш подшоҳ
мешуд, гирифта, бар ҳисор ҳамчун қурбонии сӯхтанӣ тақдим кард;
ва ғазаби азиме ба мукобили исроилиён ба амал омад, ва онҳо аз ӯ
ақиб нишаста, ба замини худ баргаштанд+.

## Мӯъҷиза бо равғане ки дар кӯзаи бевазан буд.

4 [1] Ва зане аз занони банӣ-анбиё фиғон намуда, ба Элишоъ гуфт:
«Бандаат, шавҳари ман мурд, ва ту медонӣ, ки бандаат аз
Худованд метарсид; ва қарзхоҳ омадааст, ки ду бачаи маро барои худ
ба ғуломӣ бигирад»+.
[2] Ва Элишоъ ба вай гуфт: «Барои ту чӣ кунам? Ба ман бигӯ, ки дар
хонаат чӣ дорӣ?» Вай гуфт: «Ҷӯрии ту дар хона, ҷуз зарфе бо равған,
чизе надорад».
[3] Ва ӯ гуфт: «Рафта, барои худ аз берун, аз ҳамаи ҳамсояҳоят
зарфҳо бипурс, зарфҳои холӣ, ки кам набошад;
[4] Ва омада, дарро аз пушти худат ва писаронат бибанд, ва дар
ҳамаи ин зарфҳо бирез, ва он чи пур шавад, ба каноре бимон».
[5] Вай аз пеши ӯ рафта, дарро аз пушти худаш ва писаронаш баст;
онҳо пеши вай мегузоштанд, вай мерехт.
[6] Вақте ки зарфҳо пур шуд, вай ба писараш гуфт: «Пеши ман боз
зарфе бимон». Ва ӯ ба вай гуфт: «Зарфе дигар нест». Ва равған
бозистод.
[7] Вай омада, ба марди Худо нақл намуд. Ва ӯ гуфт: «Рафта,
равғанро бифрӯш ва қарзҳоятро адо намо, ва аз он чи боқӣ бимонад,
ту ва писаронат зиндагӣ хоҳед кард».

## Зани сарватманд дар Шунем.

[8] Ва рӯзе чунин воқеъ шуд, ки Элишоъ аз Шунем гузар мекард, ва
дар он ҷо зани сарватманде буд, ва аз ӯ бисьёр хоҳиш намуд, ки нон
бихӯрад; ва ҳар бор, ки ӯ гузар мекард, ба он ҷо медаромад, ки нон
бихӯрад+.
[9] Вай ба шавҳараш гуфт: «Инак, ман медонам, ки марде ки ҳамеша
аз пеши мо гузар мекунад, валии Худост.
[10] Пас, болохонаи хурде бисозем, ва дар он ҷо барои ӯ бистар, ва
миз, ва курсӣ, ва чароғе бимонем, ва ҳар гоҳ ӯ назди мо биёяд, бигзор
ба он ҷо дарояд».
[11] Ва рӯзе ӯ ба он ҷо омад, ва ба он болохона даромада, дар он ҷо
ёзид.
[12] Ва ба навкараш Ҷеҳазӣ гуфт: «Ин зани шунемиро даъват намо».
Варо даъват намуд, вай пеши ӯ истод+.

[13] Ва ба ӯ гуфт: «Ба вай бигӯ: „Инак, ту барои мо ин қадар ташвиш мекашӣ, пас барои ту чӣ кунам? Оё туро ҳоҷате ҳаст, ки бо подшоҳ ва ё бо сардори лашкар сухан ронам?“» Вай гуфт: «Андаруни қавми худ ман сокин ҳастам».

[14] Ва ӯ гуфт: «Пас, барои вай чӣ кунам?» Ва Ҷеҳазӣ гуфт: «Аммо вай писаре надорад, ва шавҳараш пир аст».

[15] Ва ӯ гуфт: «Варо даъват намо». Варо даъват намуд, вай назди дар истод.

[16] Ва ӯ гуфт: «Баъд аз як сол, расо дар ҳамин вақт, ту писаре дар оғӯш хоҳӣ гирифт». Вай гуфт: «Не, эй оғоям, марди Худо, чӯрии худро ноумед накун»+.

[17] Ва он зан ҳомила шуда, баъд аз як сол, расо дар ҳамон вақт, чунон ки Элишоъ ба вай гуфта буд, писаре зоид.

## Элишоъ писари зани шунемиро зинда мекунад.

[18] Ва он писар калон шуд, ва рӯзе назди падари худ, назди даравгарон рафт.

[19] Ва ба падараш гуфт: «Вой, сарам! Вой, сарам!» Ва ӯ ба навкараш гуфт: «Варо назди модараш бибар».

[20] Варо бардошта, назди модараш овард, ва то пешин вай болои зонуҳои ӯ нишаст, ва мурд.

[21] Ва ӯ боло баромада, варо болои бистари марди Худо гузошт, ва дарро аз пушташ баста, берун омад.

[22] Ва шавҳарашро даъват намуда, гуфт: «Лутфан, яке аз навкарон ва яке аз модахаронро назди ман бифирист, ва ман шитобон назди марди Худо меравам ва бармегардам».

[23] Вай гуфт: «Чаро ту имрӯз, ки на навмоҳ аст ва на шанбе, назди ӯ меравӣ?» Гуфт: «Саломатист»+.

[24] Ва модахарро зин карда, ба навкараш гуфт: «Бирон ва бирав, ва то ба ту нагӯям, дар рондан таваққуф накун».

[25] Ва равона шуда, назди марди Худо, ба кӯҳи Кармил расид; ва ҳамин ки марди Худо ӯро аз дур дид, ба навкараш Ҷеҳазӣ гуфт: «Ин ҳамон зани шунемист;

[26] Алҳол, лутфан, ба истиқболи вай давида, ба вай бигӯ: „Оё ту сиҳат саломат ҳастӣ? Оё шавҳарат солим аст? Оё писарат солим аст?“» Вай гуфт: «Саломатист».

[27] Ва назди марди Худо ба кӯҳ расида, ба поҳояш часпид. Ва Ҷеҳазӣ
наздик омад, то ки варо дур кунад, вале марди Худо гуфт: «Варо
вогузор, зеро ки ҷонаш талх шудааст, ва Худованд аз ман пинҳон
дошта, ба ман маълум накардааст»+.
[28] Вай гуфт: «Оё писаре аз оғоям пурсида будам? Ман, охир, гуфта
будам: „Маро ноумед накун“».
[29] Ва ӯ ба Ҷеҳазӣ гуфт: «Камари худро бибанд, ва асои маро ба
дастат гирифта, бирав; агар касеро бубинӣ, салом нагӯй, ва агар касе
ба ту салом гӯяд, ҷавобаш надеҳ; ва асои маро бар рӯи кӯдак
бимон»+.
[30] Ва модари кӯдак гуфт: «Ба ҳаёти Худованд ва ба ҳаёти ту қасам,
ки туро тарк нахоҳам кард». Ва ӯ бархоста, аз ақиби вай равона шуд.
[31] Ва Ҷеҳазӣ аз онҳо пештар рафта, асоро бар рӯи кӯдак гузошт,
валекин на садое буд ва на таваҷҷӯҳе. Ва ба истиқболи ӯ баргашт ва
ба ӯ хабар дода, гуфт: «Кӯдак бедор нашуд»+.
[32] Ва Элишоъ ба он хона омад, ва инак, кӯдаки мурда бар бистари ӯ
гузошта шудааст.
[33] Ва ӯ даромада, дарро аз пушти ҳар дуяшон баст, ва сӯи Худованд
дуо гуфт+.
[34] Ва баромада, бар кӯдак хобид, ва даҳони худро бар даҳони вай
ва чашмони худро бар чашмони вай ва кафҳои дасти худро бар
кафҳои дасти вай гузошта, бар вай ёзид, ва бадани писар гарм шуд+.
[35] Ва фуромада, дар хона боре ин сӯ ва боре он сӯ қадам зад, ва
баромада, бар вай ёзид; ва кӯдак ҳафт карат атса зад, ва кӯдак
чашмонашро воз кард.
[36] Ва ӯ Ҷеҳазиро даъват намуда, гуфт: «Ин зани шунемиро даъват
намо». Варо даъват намуд, ва чун вай назди ӯ омад, ӯ гуфт:
«Писаратро бардор».
[37] Вай наздик омада, назди пойҳои ӯ афтод, ва то замин таъзим
намуд, ва писарашро бардошта, берун рафт+.

## Элишоъ ошро барои хӯрдан мувофиқ мегардонад.

[38] Ва Элишоъ ба Ҷилҷол баргашт. Ва қаҳтӣ дар он замин буд; ва
банӣ-анбиё ба ҳузури ӯ нишаста буданд. Ва ӯ ба навкари худ гуфт:
«Деги калонро монда, оше барои банӣ-анбиё бипаз»+.

39 Ва яке аз онҳо ба саҳро рафт, то ки гиёҳ чинад, ва палаки ёбоие
ёфт, ва дастамбӯҳо аз он чида, домани худро пур кард, ва омада,
онҳоро реза карду дар деги ош андохт, зеро ки онҳоро нашинохтанд.
40 Ва барои он одамон ош кашиданд, то ки бихӯранд. Ва ҳамин ки
онҳо ба хӯрдан шурӯъ карданд, фарьёд кашида, гуфтанд: «Марг дар
дег аст, эй марди Худо!» Ва натавонистанд бихӯранд.
41 Ва ӯ гуфт: «Орд биёред». Ва ӯ онро дар дег андохта, гуфт: «Ба
мардум бирез, то ки бихӯранд». Ва ҳеҷ чизи бад дар дег набуд.
42 Ва шахсе аз Баал-Шолишо омада, барои марди Худо нони
навбар: бист қурс нони ҷав ва донаҳои тару тозаи ҷав дар лингчаи
худ овард. Ва ӯ гуфт: «Ба мардум бидеҳ, то ки бихӯранд»+.
43 Ва навкараш гуфт: «Ин чӣ қадар аст, ки пеши сад кас
бигузорам?» Ва ӯ гуфт: «Ба мардум бидеҳ, то ки бихӯранд, зеро ки
Худованд чунин мегӯяд: „Хоҳанд хӯрд, ва аз онҳо зиёдатӣ хоҳад
монд“».
44 Ва пеши онҳо гузошт, ва онҳо хӯрданд, ва бар тибқи каломи
Худованд аз онҳо зиёдатӣ монд.

## Шифо ёфтани Наамон.

5 [1] Ва Наамон, сардори лашкари подшоҳи Арам, ба ҳузури оғои
худ шахси бузург ва мӯҳтарам буд, зеро ки ба воситаи вай
Худованд ба Арам ғалаба бахшида буд; ва ин шахс паҳлавони далер,
вале махавӣ буд+.
[2] Ва фавҷҳои арамиён берун омада, духтари хурдеро аз замини
Исроил асир карданд, ва ӯ пеши зани Наамон хизмат мекард.
[3] Ва ӯ ба хотуни худ гуфт: «Кошки оғоям пеши набие ки дар
Сомария аст, мерафт, ки вай ӯро аз махаваш шифо медод!»
[4] Ва ӯ омад ва ба оғои худ хабар дода, гуфт: «Духтаре ки аз замини
Исроил аст, чунин ва чунон мегӯяд».
[5] Ва подшоҳи Арам гуфт: «Биё, бирав, ва ман ба подшоҳи Исроил
мактуб мефиристам». Ва ӯ рафта даҳ киккар нуқра ва шаш ҳазор сиқл
тилло ва даҳ даста либос ба дасти худ гирифт.
[6] Ва мактубро назди подшоҳи Исроил овард, ки дар он гуфта шуда
буд: «Ва алҳол, дар баробари он ки ин мактуб ба дасти ту бирасад,
инак, ман навкари худ Наамонро назди ту фиристодам, то ки ӯро аз
махаваш шифо диҳӣ».
[7] Ва ҳангоме ки подшоҳи Исроил мактубро хонд, либоси худро чок
зада, гуфт: «Оё ман Худо ҳастам, ки бимиронам ва зинда гардонам,
ки вай назди ман фиристодааст, то ки он одамро аз махаваш шифо
диҳам? Пас, бидонед ва бубинед, ки вай бар зидди ман баҳона
меҷӯяд»+.
[8] Ва чун Элишоъ, марди Худо, шунид, ки подшоҳи Исроил либоси
худро чок задааст, назди подшоҳ фиристода, гуфт: «Чаро либоси
худро чок задӣ? Бигзор вай назди ман биёяд, то бидонад, ки набие
дар Исроил ҳаст».
[9] Ва Наамон бо аспон ва аробаи худ омада, назди дари хонаи
Элишоъ истод.
[10] Ва Элишоъ қосиде назди вай фиристода, гуфт: «Рафта, ҳафт
карат дар Урдун ғусл намо, ва баданат аз нав тоза шуда, ту пок хоҳӣ
гардид»+.
[11] Вале Наамон ба хашм омада, рафт, ва гуфт: «Инак, ман гумон
карда будам, ки ӯ ҳатман берун хоҳад омад, ва истода, исми

Худованд Худои худро хоҳад хонд, ва дасти худро ба он ҷой
расонида, махавро шифо хоҳад дод.
12 Оё Амоно ва Фарфар, наҳрҳои Димишқ, аз ҳамаи обҳои Исроил
беҳтар нест? Оё ман наметавонистам дар онҳо ғусл намуда, пок
шавам?» Ва ӯ тоб хӯрда, бо ғазаб рафт.
13 Ва навкаронаш наздик омада ва ба ӯ сухан ронда, гуфтанд: «Эй
падарам, агар набӣ ба ту чизи бузурге мегуфт, оё намекардӣ?
Хусусан ки вай ба ту гуфтааст: „Ғусл намуда, пок шав“».
14 Ва ӯ фурӯд омада, бар тибқи каломи марди Худо, ҳафт карат дар
Урдун ғусл кард, ва баданаш, мисли бадани тифли хурд, аз нав тоза
шуд, ва ӯ пок гардид.
15 Ва ӯ, бо ҳамаи ҳамроҳонаш, назди марди Худо баргашт, ва пеши
ӯ омада, истод ва гуфт: «Инак, акнун донистам, ки Худое дар тамоми
замин нест, ҷуз Он ки дар Исроил аст; ва алҳол, лутфан, тӯҳфае аз
бандаи худ бигир»+.
16 Ва ӯ гуфт: «Ба ҳаёти Худованде ки дар ҳузураш истодаам, қасам
мехӯрам, ки нахоҳам гирифт». Ва ҳарчанд ба гирифтанаш исрор
намуд, ӯ розӣ нашуд+.
17 Ва Наамон гуфт: «Чун намегирӣ, бигзор ба бандаат ба андозае ки
ду хачир бардорад, хок диҳанд, чунки бандаат минбаъд ба худоёни
дигар, ҷуз Худованд, қурбониҳои сӯхтанӣ ва забҳҳо тақдим нахоҳад
кард.
18 Фақат аз ин бобат бигзор Худованд бандаатро афв фармояд:
вақте ки оғои ман ба хонаи Риммӯн ояд, то ки дар он ҷо саҷда барад,
ва ӯ бар дасти ман такья кунад, ва ман дар хонаи Риммӯн саҷда
барам, — пас, барои он ки ман дар хонаи Риммӯн саҷда мебарам,
бигзор Худованд бандаатро аз ин бобат афв фармояд».
19 Ва ӯ ба вай гуфт: «Ба саломатӣ бирав». Ва аз пеши ӯ рафта,
масофате бурид.

## Гуноҳи Ҷеҳазӣ.

20 Ва Ҷеҳазӣ, навкари Элишоъ, марди Худо, дар дили худ гуфт:
«Инак, оғоям нахост, ки аз дасти ин Наамони арамӣ он чиро, ки вай
оварда буд, бигирад; ба ҳаёти Худованд қасам, ки ман аз қафои вай
давида, чизе аз вай хоҳам гирифт»+.

21 Ва Ҷеҳазӣ аз қафои Наамон давид; ва Наамон давандаеро аз
қафои худ дида, аз аробаи худ ба истиқболаш фурӯд омад, ва гуфт:
«Оё саломатист?»
22 Ва ӯ гуфт: «Оғоям маро фиристода, гуфт: „Инак, алҳол аз кӯҳи
Эфроим ду ҷавон, аз банӣ-анбиё, назди ман омаданд; лутфан, барои
онҳо як киккар нуқра ва ду даста либос бидеҳ“».
23 Ва Наамон гуфт: «Марҳамат фармуда, ду киккар бигир». Ва аз ӯ
бисьёр илтимос кард, ва ду киккар нуқраро бо ду даста либос дар ду
халта баста, ба ду навкари худ дод, ва онҳо пешопеши у бардошта
бурданд.
24 Ва ҳангоме ки ба бурҷи болои тал расид, аз дасти онҳо гирифта,
дар хона пинҳон кард; ва он одамонро ҷавоб дод, ва онҳо рафтанд.
25 Ва ӯ омада, назди оғои худ истод. Ва Элишоъ ба ӯ гуфт: «Аз куҷо
омадӣ, эй Ҷеҳазӣ?» Ва ӯ гуфт: «Бандаат ба ҳеҷ ҷо нарафта буд».
26 Вай ба ӯ гуфт: «Оё дили ман ҳамроҳи ту нарафт, вақте ки он
шахс аз аробаи худ ба истиқболи ту фурӯд омад? Оё ҳоло вақти
гирифтани нуқра ва гирифтани либосҳо, ва дарахтони зайтун ва
токҳо, ва гӯсфандон ва говон, ва ғуломон ва канизон аст?
27 Пас, махави Наамон ба ту ва ба насли ту ба сурати абадӣ хоҳад
часпид». Ва ӯ аз махав мисли барф сафед шуда, аз пеши вай берун
рафт+.

## Элишоъ табареро, ки ба таги об рафта буд, берун меоварад.

**6** [1] Ва банӣ-анбиё ба Элишоъ гуфтанд: «Инак, маконе ки ба
ҳузури ту дар он сокинем, барои мо танг аст.
[2] Лутфан, мо назди Урдун биравем, ва ҳар яке ғӯлачӯбе аз он ҷо
бигирем, ва маконе барои худ дар он ҷо бисозем, то ки дар он
сукунат намоем». Ва ӯ гуфт: «Биравед».
[3] Ва яке аз онҳо гуфт: «Лутфан, ту ҳам, марҳамат фармуда, бо
бандагонат биё». Ва ӯ гуфт: «Ман меоям».
[4] Ва бо онҳо рафт; ва онҳо назди Урдун омада, ба дарахтбурӣ
шурӯъ карданд.
[5] Ва ҳангоме ки яке аз онҳо ғӯлачӯбро меафтонид, табараш дар об
афтод, ва ӯ фарьёд кашида, гуфт: «Оҳ, оғоям, ва ҳол он ки ман онро ба
орият гирифта будам!»
[6] Ва марди Худо гуфт: «Ба куҷо афтод?» Вай ба ӯ ҷояшро нишон
дод, ва ӯ чӯбе бурида, ба он ҷо андохт, ва табар бар рӯи об баромад.
[7] Ва ӯ гуфт: «Онро бигир». Вай дасташро дароз карда, гирифт.

## Элишоъ ниятоҳи подшоҳи Арамро фош мекунад.

[8] Ва подшоҳи Арам бо Исроил ҷанг мекард; ва бо навкаронаш
машварат намуда, гуфт: «Дар фалон ҷо ӯрдугоҳи ман хоҳад буд».
[9] Ва марди Худо ба подшоҳи Исроил фиристода, гуфт: «Эҳтиёт
намо, ки аз ин ҷо нагузарӣ, зеро ки арамиён дар он ҷо ӯрду задаанд».
[10] Ва подшоҳи Исроил ба маконе ки марди Худо дар бораи он ба ӯ
хабар дода ва ӯро таъкид карда буд, фиристода, дар он ҷо на як бор ва
на ду бор эҳтиёт намуд.
[11] Ва дили подшоҳи Арам аз боиси ин дар изтироб афтод, ва ӯ
навкаронашро даъват намуда, ба онҳо гуфт: «Оё ба ман хабар
намедиҳед, ки аз байни мо кист, ки бо подшоҳи Исроил робита
дорад?»
[12] Ва яке аз навкаронаш гуфт: «Эй оғоям подшоҳ, чунин нест,
балки Элишои набӣ, ки дар Исроил аст, ба подшоҳи Исроил
суханонеро, ки ту дар хонаи хоби худ мегӯӣ, хабар медиҳад».
[13] Ва ӯ гуфт: «Рафта, бубинед, ки вай куҷост, ва ман мефиристам,
то ки варо бигирам». Ва ба ӯ хабар дода, гуфтанд: «Инак, вай дар
Дӯтон аст»+.

14 Ва ӯ ба он ҷо аспон ва аробаҳо ва қӯшуни бузурге равона кард, ва
онҳо шабона омада, шаҳрро иҳота карданд.
15 Ва бомдодон хизматгори марди Худо бархоста, берун омад, ва
инак, қӯшуне бо аспон ва аробаҳо шаҳрро иҳота кардаанд. Ва
хизматгораш ба ӯ гуфт: «Оҳ, оғоям, чӣ кунем?»
16 Ва ӯ гуфт: «Натарс, зеро онҳое ки бо моянд, аз онҳое ки бо
инҳоянд, бештаранд»+.
17 Ва Элишоъ дуо хонда, гуфт: «Эй Худованд! Лутфан, чашмони
варо бикшо, то ки бубинад». Ва Худованд чашмони навкарро кушод,
ва ӯ дид, ва инак, кӯҳ гирдогирди Элишоъ аз аспон ва аробаҳои
оташин пур буд+.

## Элишоъ арамиёнро ба Сомария равона мекунад.

18 Ва онҳо назди ӯ фурӯд меомаданд. Ва Элишоъ сӯи Худованд дуо
хонда, гуфт: «Лутфан, ин одамонро ба кӯрӣ гирифтор намо». Ва Ӯ
онҳоро, бар тибқи каломи Элишоъ, ба кӯрӣ гирифтор кард+.
19 Ва Элишоъ ба онҳо гуфт: «Роҳ ин нест, ва шаҳр ин нест; аз
қафоям биёед, ва шуморо сӯи касе ки ҷустуҷӯ менамоед, хоҳам
бурд». Ва онҳоро ба Сомария бурд.
20 Ва ҳангоме ки онҳо ба Сомария расиданд, Элишоъ гуфт: «Эй
Худованд! Чашмони онҳоро бикшо, то ки бубинанд». Ва Худованд
чашмони онҳоро кушод, ва онҳо диданд, ва инак андаруни Сомария
буданд.
21 Ва подшоҳи Исроил онҳоро дида, ба Элишоъ гуфт: «Эй падарам,
оё онҳоро зарба занам?»
22 Ва ӯ гуфт: «Зарба назан; магар онҳоро бо шамшер ва камони худ
асир кардаӣ, ки мехоҳӣ зарба занӣ? Нон ва об пеши онҳо бимон, то
ки бихӯранд ва бинӯшанд, ва назди оғои худ бираванд»+.
23 Ва барои онҳо зиёфати калоне муҳайё намуд, ва онҳо хӯрданд ва
нӯшиданд, ва онҳоро фиристод, ва онҳо назди оғои худ рафтанд; ва
фавҷҳои Арам дигар ба замини Исроил тохт наоварданд.
24 Ва баъд аз он чунин воқеъ шуд, ки Бин-Ҳадад, подшоҳи Арам,
тамоми лашкари худро ҷамъ кард, ва баромада, Сомарияро муҳосира
намуд+.
25 Ва қаҳтии сахт дар Сомария буд, ва инак, онро муҳосира карда
буданд, ба тавре ки каллаи хар ба баҳои ҳаштод сиқл нукра фурӯхта

мешуд, ва чорьяк қаб* саргини кафтар — ба баҳои панҷ сиқл нуқра.
26 Ва рӯзе подшоҳи Исроил бар ҳисор гузар мекард, зане сӯи ӯ
фарьёд кашида, гуфт: «Эй оғоям подшоҳ, мадад кун!»+
27 Ва ӯ гуфт: «Агар Худованд ба ту мадад накунад, ман аз куҷо ба ту
мадад кунам? Оё аз хирман ё аз чархушт?»
28 Ва подшоҳ ба вай гуфт: «Туро чӣ шуд?» Вай гуфт: «Ин зан ба ман
гуфт: „Писари худро бидеҳ, то ки имрӯз ӯро бихӯрем, ва писари маро
фардо хоҳем хӯрд“.
29 Ва писари маро пухтем, ва ӯро хӯрдем. Ва рӯзи дигар ман ба вай
гуфтам: „Писари худро бидеҳ, то ки ӯро бихӯрем“. Вале вай писари
худро пинҳон кард»+.
30 Ҳамин ки подшоҳ суханони занро шунид, либоси худро чок зад,
ва ӯ бар ҳисор гузар мекард, ва қавм диданд, ки инак, бар баданаш аз
таг палос буд.
31 Ва ӯ гуфт: «Худо ба ман чунин ва зиёда аз ин бикунад, ки агар
сари Элишоъ ибни Шофот имрӯз бар танаш бимонад!»

## Элишоъ аз хатар безобита намешавад.

32 Ва Элишоъ дар хонаи худ нишаста буд, ва пирон ҳамроҳи ӯ
нишаста буданд. Ва подшоҳ касеро аз ҷониби худ фиристод. Пеш аз
он ки ин қосид назди ӯ биёяд, ӯ ба пирон гуфт: «Оё мебинед, ки ин
писари қотил фиристодааст, то ки сари маро аз танам ҷудо кунад?
Ҳушьёр бошед, ҳамин ки қосид биёяд, дарро пӯшида, варо бо дар
пахш кунед. Инак, садои похои оғои варо аз ақибаш мешунавам».
33 Ҳанӯз бо онҳо сухан меронд, ва инак, қосид назди ӯ фурӯд омад
ва гуфт: «Инак, ин мусибат аз ҷониби Худованд аст! Чӣ гуна боз ба
Худованд таваккал кунам?»

## Элишоъ замони мусоид ва гурехтани арамиёнро пешгӯӣ мекунад.

**7** [1] Ва Элишоъ гуфт: «Каломи Худовандро бишнавед! Худованд
чунин мегӯяд: „Фардо дар ҳамин вақт як сео орди маҳин ба як
сиқл, ва ду сео ҷав ба як сиқл назди дарвозаи Сомария фурӯхта хоҳад
шуд“».
[2] Ва саркардае ки подшоҳ бар дасти вай такья менамуд, ба марди
Худо ҷавоб гардонида, гуфт: «Ҳатто агар Худованд равзанҳо дар
осмон бикшояд, оё ин чиз ба амал хоҳад омад?» Ва ӯ гуфт: «Инак, ту
бо чашмони худ хоҳӣ дид, валекин аз он нахоҳӣ хӯрд»+.
[3] Ва чор одами махавӣ дар даҳани дарвоза буданд, ва ба якдигар
мегуфтанд: «Чаро мо дар ин ҷо биншинем, то даме ки бимирем?
[4] Агар гӯем: „Ба шаҳр дароем“ — қаҳтӣ дар шаҳр аст, ва дар он ҷо
хоҳем мурд; ва агар дар ин ҷо биншинем — хоҳем мурд. Пас, алҳол
рафта, ба ӯрдугоҳи арамиён дохил шавем; агар онҳо моро зинда
нигоҳ доранд, — зинда хоҳем монд, ва агар моро бикушанд, — хоҳем
мурд».
[5] Ва дар вақти говгум бархостанд, то ки ба ӯрдугоҳи арамиён
бираванд; ва ҳангоме ки ба канори ӯрдугоҳи арамиён расиданд, —
инак, касе дар он ҷо набуд.
[6] Ва Худованд дар ӯрдугоҳи арамиён садои аробаҳо, садои аспон,
садои лашкари бузургеро шунавонид, ва онҳо ба якдигар гуфтанд:
«Инак, подшоҳи Исроил подшоҳони ҳиттиён ва подшоҳони
мисриёнро ба мукобили мо киро кардааст, то ки бар мо тохт
оваранд»+.
[7] Ва онҳо бархоста, дар вақти говгум гурехтанд, ва хаймаҳо ва
аспон ва харони худро — тамоми ӯрдугоҳро, чунон ки буд, — тарк
карда, аз тарси ҷони худ рӯ ба гурез оварданд+.
[8] Ва он махавиён ба канори ӯрдугоҳ расида, ба як хайма
даромаданд, ва хӯрданд ва нӯшиданд, ва аз он ҷо нуқра ва тилло ва
либос гирифта рафтанд ва пинҳон карданд; ва баргашта, ба хаймаи
дигар даромаданд, ва аз он ҷо гирифта рафтанд ва пинҳон карданд.
[9] Ва ба якдигар гуфтанд: «Кирдори мо дуруст нест; имрӯз рӯзи
башорат аст, валекин мо хомӯш мондем, ва агар то рӯшноии саҳарӣ

даранг кунем, гуноҳе бар сари мо хоҳад афтод; ва алҳол биёед,
биравем ва ба хонаи подшоҳ хабар диҳем».
[10] Ва омада, дарвозабонони шаҳрро хонданд ва ба онҳо хабар дода,
гуфтанд: «Мо ба ӯрдугоҳи арамиён рафта будем, ва инак, дар он ҷо на
касе ҳаст ва на садои одамизод, балки аспони басташуда, ва харони
басташуда, ва хаймаҳо, чунон ки будаанд».
[11] Ва дарвозабононро хонданд, ва онҳо ба андаруни хонаи подшоҳ
хабар доданд.
[12] Ва подшоҳ шабона бархоста, ба навкаронаш гуфт: «Ман ба шумо
мегӯям, ки арамиён бо мо чӣ хоҳанд кард: онҳо медонанд, ки мо
гурусна ҳастем, ва аз ӯрдугоҳ баромада, дар саҳро пинҳон шудаанд,
ва мегӯянд: „Ҳамин ки аз шаҳр бароянд, онҳоро зинда дастгир карда,
ба шаҳр дохил хоҳем шуд“».
[13] Ва яке аз навкаронаш ҷавоб гардонида, гуфт: «Бигзор панҷ
нафарро аз бақияи аспсаворон, ки дар он боқӣ мондаанд, бигиранд,
— онҳо мисли тамоми ҷамоати Исроил, ки дар он боқӣ мондаанд,
мисли тамоми ҷамоати Исроил, ки нобуд шудаанд, мебошанд, — ва
онҳоро мо мефиристем ва мебинем».
[14] Ва ду аспсаворро гирифтанд, ва подшоҳ аз ақиби ӯрдуи арамиён
фиристода, гуфт: «Биравед ва бубинед».
[15] Ва аз ақиби онҳо то Урдун рафтанд, ва инак, тамоми роҳ аз
либосҳо ва чизҳое ки арамиён саросема шуда партофта буданд, пур
буд. Ва қосидон баргашта, ба подшоҳ хабар доданд.
[16] Ва қавм берун рафта, ӯрдугоҳи арамиёнро тороҷ карданд; ва як
сео орди маҳин ба як сиқл, ва ду сео ҷав ба як сиқл, бар тибқи каломи
Худованд, фурӯхта шуд.
[17] Ва подшоҳ он саркардаро, ки бар дасти вай такья менамуд,
назди дарвоза гузошт, ва қавм варо назди дарвоза поймол карданд,
ки мурд, бар тибқи сухане ки марди Худо гуфта буд, яъне вақте ки
подшоҳ назди вай фурӯд омад, вай сухан ронда, гуфта буд:+
[18] Ҳангоме ки марди Худо ба подшоҳ сухан ронда, гуфт: «Ду сео
ҷав ба як сиқл, ва як сео орди маҳин ба як сиқл фардо дар ҳамин вақт
назди дарвозаи Сомария фурӯхта хоҳад шуд», —
[19] Он саркарда ба марди Худо ҷавоб гардонида, гуфт: «Ҳатто агар
Худованд равзанҳо дар осмон бикшояд, оё ин чиз ба амал хоҳад

омад?» Ва ӯ гуфт: «Инак, ту бо чашмони худ хоҳӣ дид, валекин аз он нахоҳӣ хӯрд».
[20] Ва бо вай чунин рӯй дод: қавм варо назди дарвоза поймол карданд, ки мурд.

## Элишоъ ҳафт соли қаҳтиро пешгӯӣ мекунад.

**8** [1] Ва Элишоъ ба зане ки писарашро зинда карда буд, сухан
ронда, гуфт: «Ту бо хонадонат бархоста, бирав ва дар ҳар ҷое ки
метавонӣ, сукунат намо; зеро ки Худованд қаҳтиро даъват
намудааст, ва он бар ин замин низ ҳафт сол ҳукмфармо хоҳад шуд»+.
[2] Ва он зан бархоста, бар тибқи сухани марди Худо амал намуд, ва
бо хонадонаш рафта, дар замини фалиштиён ҳафт сол умр
гузаронид.
[3] Ва баъд аз гузаштани ҳафт сол чунин воқеъ шуд, ки он зан аз
замини фалиштиён баргашт ва баромада, сӯи подшоҳ дар бораи хона
ва замини худ истиғоса намуд.
[4] Ва подшоҳ он вақт бо Ҷеҳазӣ, навкари марди Худо, сухан ронда,
мегуфт: «Лутфан, ба ман дар бораи ҳамаи корҳои бузурге ки Элишоъ
кардааст, ҳикоят намо»+.
[5] Ва ҳангоме ки ӯ ба подшоҳ ҳикоят менамуд, ки чӣ гуна вай
мурдаро зинда кардааст, инак, зане ки писарашро вай зинда карда
буд, сӯи подшоҳ дар бораи ҳона ва замини худ истиғоса намуд; ва
Ҷеҳазӣ гуфт: «Эй оғоям подшоҳ, ин ҳамон зан аст, ва ин писари ӯст,
ки Элишоъ зинда карда буд».
[6] Ва подшоҳ аз зан пурсид, ва ӯ ба вай ҳикоят кард; ва подшоҳ яке
аз хоҷасароёнашро барои ӯ таъин намуда, гуфт: «Тамоми дороии ӯ ва
тамоми ҳосили замини ӯро аз рӯзе ки мамлакатро тарк кардааст, то
алҳол ба ӯ баргардон».

## Элишоъ ба Ҳазоил пешгӯӣ мекунад, ки вай дар Арам подшоҳ хоҳад шуд.

[7] Ва Элишоъ ба Димишқ омад, вақте ки Бин-Ҳадад, подшоҳи Арам,
бемор буд; ва ба ӯ хабар дода, гуфтанд: «Марди Худо ба ин ҷо
омадааст»+.
[8] Ва подшоҳ ба Ҳазоил гуфт: «Ҳадияе ба дасти худ гирифта, ба
истиқболи марди Худо бирав, ва ба воситаи вай аз Худованд бипурс,
ки оё ман аз ин беморӣ шифо хоҳам ёфт?»+
[9] Ва Ҳазоил ба истиқболи вай равона шуд, ва ҳадияе ба дасти худ
гирифт, ки он аз тамоми нозу неъмати Димишқ ба андозаи бори чил
шутур буд; ва омада, ба ҳузури вай истод, ва гуфт: «Писарат Бин-

Ҳадад, подшоҳи Арам, маро назди ту фиристода, мегӯяд: „Оё ман аз
ин беморӣ шифо хоҳам ёфт?“»
10 Ва Элишоъ ба ӯ гуфт: «Рафта, ба вай бигӯ: „Албатта шифо хоҳӣ
ёфт“. Валекин Худованд ба ман ошкор кард, ки вай ҳатман хоҳад
мурд».
11 Ва бар ӯ чашми худро дӯхт, ба тавре ки ӯ бетоқат шуд; ва марди
Худо гирья кард.
12 Ва Ҳазоил гуфт: «Чаро оғоям гирья мекунад?» Ва ӯ гуфт: «Зеро
медонам, ки чӣ гуна фалокате ту ба сари банӣ-Исроил хоҳӣ овард: ба
қалъаҳои онҳо оташ хоҳӣ зад, ва ҷавонони онҳоро бо шамшер хоҳӣ
кушт, ва тифлони онҳоро зада маҷақ хоҳӣ кард, ва ҳомиладорони
онҳоро шикамчок хоҳӣ сохт»+.
13 Ва Ҳазоил гуфт: «Бандаи мисли як саги ту кист, ки чунин кори
бузурге бикунад?» Ва Элишоъ гуфт: «Худованд туро ба ман ҳамчун
подшоҳи Арам нишон дод»+.
14 Ва ӯ аз пеши Элишоъ рафта, назди оғои худ омад. Вай ба ӯ гуфт:
«Элишоъ ба ту чӣ гуфт?» Ва ӯ гуфт: «Ба ман гуфт, ки албатта шифо
хоҳӣ ёфт».
15 Ва фардояш ӯ кампалеро гирифта, дар об ғӯтонид, ва бар рӯи
вай пӯшонид, ки мурд; ва Ҳазоил ба ҷои вай подшоҳ шуд.

## Еҳӯром баъд аз падараш Еҳӯшофот бар Яҳудо подшоҳ мешавад.

16 •Ва дар соли панҷуми Йӯром ибни Аҳъоб, подшоҳи Исроил,
ҳангоме ки Еҳӯшофот ҳанӯз подшоҳи Яҳудо буд, Еҳӯром ибни
Еҳӯшофот, подшоҳи Яҳудо, ба подшоҳӣ шурӯъ намуд.
17 Дар вақти подшоҳ шуданаш ӯ сию дусола буд, ва ҳашт сол дар
Ерусалим подшоҳӣ кард.
18 Ва ӯ бо роҳи подшоҳони Исроил рафтор намуд, чунон ки
хонадони Аҳъоб рафтор карда буданд, зеро ки духтари Аҳъоб зани ӯ
буд, ва он чи дар назари Худованд бад буд, ӯ ба амал овард+.
19 Валекин Худованд ба хотири бандаи Худ Довуд нахост Яҳудоро
ба ҳалокат расонад, зеро ба ӯ ваъда дода буд, ки барои ӯ ва
фарзандони ӯ умрбод чароғе бидиҳад+.

## Исьёни Адӯм ва Либно.

[20] Дар айёми ӯ Адӯм аз зери дасти Яҳудо исьён бардошт, ва онҳо
бар худ подшоҳе гузоштанд+.
[21] Ва Еҳӯром ба Соир равона шуд, ва ҳамаи аробаҳо бо ӯ буд; ва
шабона ӯ бархост ва сафҳои адӯмиёнро, ки ӯ ва сардорони аробаҳоро
иҳота карда буданд, рахна намуда, ақиб нишаст, ва қавм ба хаймаҳои
худ гурехтанд.
[22] Ва Адӯм аз зери дасти Яҳудо исьён бардошт, ки то имрӯз чунин
аст. Дар он замон Либно низ исьён бардошт.
[23] Ва бақияи аъмоли Еҳӯром, ва он чи ӯ кард, дар китоби
вақоеъномаи подшоҳони Яҳудо навишта шудааст.

## Фавти Еҳӯром.

## Бар Яҳудо подшоҳ шудани Аҳазьёҳу.

[24] Ва Еҳӯром бо падарони худ ҳобид, ва бо падарони худ дар шаҳри
Довуд дафн карда шуд; ва писараш Аҳазьёҳу ба ҷои ӯ подшоҳ шуд.
[25] •Дар соли дувоздаҳуми Йӯром ибни Аҳъоб, подшоҳи Исроил,
Аҳазьёҳу ибни Еҳӯром, подшоҳи Яҳудо, ба подшоҳӣ шурӯъ намуд.
[26] Дар вақти подшоҳ шуданаш Аҳазьёҳу бисту дусола буд, ва ӯ як
сол дар Ерусалим подшоҳӣ кард. Ва номи модараш Атальё бинти
Омрӣ, подшоҳи Исроил, буд+.
[27] Ва ӯ бо роҳи хонадони Аҳъоб рафтор намуд, ва он чи дар назари
Худованд бад буд, мисли хонадони Аҳъоб ба амал овард, зеро ки
домоди хонадони Аҳъоб буд.
[28] Ва бо Йӯром ибни Аҳъоб ба ҷанги зидди Ҳазоил, подшоҳи Арам,
ба Ромӯт-Ҷилъод равона шуд; ва арамиён Йӯромро захмдор
карданд+.
[29] Ва подшоҳ Йӯром ба Изреъил баргашт, то аз захмҳое ки арамиён
ба ӯ дар Ромо расонида буданд, вақте ки бо Ҳазоил, подшоҳи Арам,
ҷангида буд, шифо ёбад. Ва Аҳазьёҳу ибни Еҳӯром, подшоҳи Яҳудо,
барои дидани Йӯром ибни Аҳъоб ба Изреъил фурӯд омад, чунки вай
бемор буд.

## Еҳу ба подшоҳӣ тадҳин карда шуд.

9 [1] Ва Элишои набӣ якеро аз банӣ-анбиё хонда, ба вай гуфт:
«Камари худро бибанд, ва ин зарфи равғанро ба дасти худ
гирифта, ба Ромӯт-Ҷилъод бирав+.
[2] Ва ба он ҷо расида, Еҳу ибни Еҳӯшофот ибни Нимширо дар он ҷо
хоҳӣ дид; ва омада, ӯро аз миёни бародаронаш бархезон, ва ӯро ба
ҳуҷраи дарунӣ дохил намо+.
[3] Ва зарфи равғанро гирифта, бар сари ӯ бирез, ва бигӯ: „Худованд
чунин мегӯяд: туро тадҳин намудам, то ки бар Исроил подшоҳ
бошӣ“. Ва дарро кушода, бигрез, ва интизор нашав»+.
[4] Ва он амрад, ки набии ҷавон буд, ба Ромӯт-Ҷилъод равона шуд.
[5] Ва ҳангоме ки ба он ҷо расид, инак, сардорони лашкар
нишастаанд, ва ӯ гуфт: «Эй сардор, ба ту сухане дорам». Ва Еҳу гуфт:
«Ба кадоме аз моён?» Ва ӯ гуфт: «Ба ту, эй сардор».
[6] Вай бархоста, ба хона дохил шуд, ва ӯ равғанро ба сари вай рехта,
ба вай гуфт: «Худованд Худои Исроил чунин мегӯяд: Ман туро
тадҳин намудам, то ки бар қавми Худованд, бар Исроил подшоҳ
бошӣ;
[7] Ва ту хонадони оғои худ Аҳъобро нест хоҳӣ кард, то ки Ман
интиқоми хуни бандагони анбиё ва хуни ҳамаи бандагони
Худовандро аз дасти Изобал бигирам;+
[8] Ва тамоми хонадони Аҳъоб ба ҳалокат хоҳанд расид, ва Ман аз
Аҳъоб ҳар наринаро, хоҳ бандӣ ва хоҳ озод дар Исроил бошад, маҳв
хоҳам кард;+
[9] Ва хонадони Аҳъобро мисли хонадони Ёробъом ибни Набот ва
мисли хонадони Баъшо ибни Аҳиё хоҳам гардонид;+
[10] Ва Изобалро сагон дар саҳрои Изреъил хоҳанд хӯрд, ва
дафнкунандае нахоҳад буд». Ва ӯ дарро кушода, гурехт+.
[11] Ва Еҳу назди навкарони оғои худ баромад, ва касе ба ӯ гуфт: «Оё
саломатист? Ин девона барои чӣ назди ту омадааст?» Ва ӯ ба онҳо
гуфт: «Шумо ин одам ва нутқашро медонед»+.
[12] Ва онҳо гуфтанд: «Ин дурӯғ аст; лутфан, ба мо бигӯ!» Ва ӯ гуфт:
«Вай чунин ва чунон ба ман сухан ронда, гуфт: „Худованд чунин
мегӯяд: Ман туро тадҳин намудам, то ки бар Исроил подшоҳ бошӣ“».

13 Ва онҳо шитоб намуда, ҳар яке либоси худро дар таги ӯ бар
баландии зинапоя гузоштанд, ва шох навохта, гуфтанд: «Еҳу подшоҳ
шуд!»+

## Еҳу Йӯромро мекушад.

14 Ва Еҳу ибни Еҳӯшофот ибни Нимшӣ бар Йӯром суиқасд кард; ва
Йӯром бо тамоми Исроил Ромӯт-Ҷилъодро аз Ҳазоил, подшоҳи Арам,
нигаҳбонӣ менамуд+.
15 Вале подшоҳ Йӯром ба Изреъил баргашта буд, то аз захмҳое ки
арамиён ба ӯ расонида буданд, вақте ки бо Ҳазоил, подшоҳи Арам
меҷангид, шифо ёбад. Ва Еҳу гуфт: «Агар дили шумо ин аст, бигзор
ҳеҷ кас аз шаҳр берун набарояд, то ки ба Изреъил рафта хабар
диҳад».
16 Ва Еҳу ба асп савор шуда, ба Изреъил рафт, чунки Йӯром дар он
ҷо хобида буд; ва Аҳазьёҳу, подшоҳи Яҳудо, барои дидани Йӯром
омада буд.
17 Ва дидбоне бар бурҷи Изреъил истода буд, ва издиҳоми Еҳуро
дар вақти омадани вай дида, гуфт: «Ман издиҳоме мебинам». Ва
Йӯром гуфт: «Савореро гирифта, ба истиқболи онҳо бифирист, то ки
бипурсад: „Оё саломатист?“»
18 Ва аспсавор ба истиқболи ӯ рафта, гуфт: «Подшоҳ чунин мегӯяд:
„Оё саломатист?“» Ва Еҳу гуфт: «Туро бо саломатӣ чӣ кор аст? Аз
қафои ман биё!» Ва дидбон хабар дода, гуфт: «Қосид назди онҳо
расид, вале барнагашт».
19 Ва аспсавори дуюмро фиристод, ва ӯ назди онҳо омада, гуфт:
«Подшоҳ чунин мегӯяд: „Оё саломатист?“» Ва Еҳу гуфт: «Туро бо
саломатӣ чӣ кор аст? Аз қафои ман биё!»
20 Ва дидбон хабар дода, гуфт: «Вай назди онҳо расид, вале
барнагашт; ва аспронӣ ба аспронии Еҳу ибни Нимшӣ монанд аст,
зеро ки вай бошиддат асп меронад».
21 Ва Йӯром гуфт: «Бибанд!» Ва аробаи ӯро бастанд. Ва Йӯром,
подшоҳи Исроил, ва Аҳазьёҳу, подшоҳи Яҳудо, ҳар яке бар аробаи худ
берун рафтанд; ва ба истиқболи Еҳу берун рафта, дар қитъаи Нобӯти
изреъилӣ бо ӯ вохӯрданд+.
22 Ва ҳангоме ки Йӯром Еҳуро дид, гуфт: «Эй Еҳу, оё саломатист?»
Ва ӯ гуфт: «Чӣ гуна саломатӣ хоҳад буд, дар сурате ки зинокориҳои

модарат Изобал ва ҷодугариҳои вай ин қадар бисьёр аст?»
23 Ва Йӯром дастҳояшро гардонида, рӯ ба гурез овард, ва ба
Аҳазьёҳу гуфт: «Эй Аҳазьёҳу, хиёнат аст!»
24 Ва Еҳу дасташро бар камон гузошта, Йӯромро дар миёни
шонаҳои китфаш тир зад, ва тир аз дилаш гузашта берун омад, ва ӯ
дар аробаи худ афтод.
25 Ва Еҳу ба саркардаи худ Бидқар гуфт: «Варо бардошта, дар
қитъаи замини Нобӯти изреъилӣ бипарто, ва ба ёд овар, ки чӣ гуна
ман ва ту бо ҷуфтҳои саворон аз қафои падари вай Аҳъоб равона
будем, ва чӣ гуна ҳамон Худованд дар ҳаққи вай ин ваҳйро ба забон
ронда буд:
26 „Ба ростӣ, хуни Нобӯт ва хуни писаронашро Ман дирӯз дидам, —
мегӯяд Худованд, — ва дар ин қитъаи замин ба ту подош хоҳам дод,
— мегӯяд Худованд“. Ва алҳол варо бардошта, бар тибқи каломи
Худованд, дар ин қитъа бипарто»+.

## Қатли Аҳазьёҳу.

27 Ва Аҳазьёҳу, подшоҳи Яҳудо, инро дида, бо роҳи Байт-Ҳаҷан рӯ
ба гурез овард; ва Еҳу ӯро таъқиб намуда, гуфт: «Ӯро низ бизанед!» Ва
ӯро дар аробааш бар тали Ҷур, ки назди Иблеом аст, захмдор
карданд, ва ӯ то Маҷиддӯ гурехта, дар он ҷо мурд+.
28 Ва навкаронаш ӯро бо ароба ба Ерусалим оварданд; ва ӯро дар
мақбараи худаш бо падаронаш дар шаҳри Довуд дафн карданд+.
29 Ва дар соли ёздаҳуми Йӯром ибни Аҳъоб Аҳазьёҳу бар Яҳудо
подшоҳ шуд.

## Қатли Изобал.

30 Ва Еҳу ба Изреъил омад. Ва Изобал инро шунида, ба чашмонаш
сурма кашид, ва сари худро зинат дода, аз тиреза нигарист.
31 Ва ҳангоме ки Еҳу ба дарвоза дохил шуд, вай гуфт: «Оё туро, эй
Зимрии кушандаи оғои худ, саломатӣ хоҳад буд?»+
32 Ва ӯ рӯи худро сӯи тиреза бардошта, гуфт: «Кист, ки пайрави
ман бошад, кист?» Ва ду-се нафар аз хоҷасароён сӯи ӯ нигаристанд.
33 Ва ӯ гуфт: «Варо берун партоед!» Ва онҳо варо берун
партофтанд. Ва хуни вай бар девор ва бар аспон пош хӯрд, ва ӯ варо
лагадкӯб кард.

[34] Ва ӯ даромада, хӯрд ва нӯшид; ва гуфт: «Ба он лаънатӣ тавაҷҷӯҳ
намуда, варо дафн кунед, чунки вай духтари подшоҳ аст»+.
[35] Ва барои дафн карданаш рафтанд, вале ғайр аз косаи сар, ва
пойҳо, ва кафҳои даст, чизе аз вай наёфтанд.
[36] Ва баргашта, ба ӯ хабар доданд, ва ӯ гуфт: «Ин каломи Худованд
аст, ки ба воситаи бандаи худ Ильёси тишбӣ сухан ронда, гуфтааст:
„Дар қитъаи замини Изреъил сагон гӯшти Изобалро хоҳанд хӯрд“»+.
[37] Ва лошаи Изобал бар рӯи саҳро, дар қитъаи Изреъил, мисли
саргин гардида буд, ба тавре ки касе наметавонист бигӯяд: «Ин
Изобал аст».

## Доварӣ бар хонадони Аҳъоб.

**10** 1 Ва Аҳъоб дар Сомария ҳафтод писар дошт. Ва Еҳу мактубҳо
навишта, ба Сомария ба сарварони Изреъил, ба пирон ва
мураббиёни банӣ-Аҳъоб фиристода, гуфт:+
2 «Ва алҳол, вақте ки ин мактуб ба шумо бирасад, — дар сурате ки
писарони оғои шумо бо шумо мебошанд, ва аробаҳо ва аспон ва
шаҳри ҳисордор ва аслиҳа бо шумост, —
3 Шумо беҳтарин ва муносибтарин писари оғои худро интихоб
намуда, бар тахти падараш биншонед, ва барои хонадони оғои худ
биҷангед».
4 Вале онҳо ниҳоятдараҷа ҳаросон шуда, гуфтанд: «Инак, ду
подшоҳ натавонистанд пеши ӯ истодагӣ кунанд, — пас мо чӣ гуна
истодагӣ хоҳем кард?»
5 Ва нозири хона, ва сардори шаҳр, ва пирон, ва мураббиён
фиристода, гуфтанд: «Мо бандагони ту ҳастем, ва ҳар чи ба мо амр
фармоӣ, ба ҷо хоҳем овард. Мо ҳеҷ касро подшоҳ нахоҳем кард; он чи
дар назарат писанд бошад, бикун».
6 Ва ӯ бори дуюм ба онҳо мактуб навишта, гуфт: «Агар шумо бо
ман буда, ба овози ман итоат мекарда бошед, каллаҳои писарони
оғои худро бигиред ва фардо дар ҳамин вақт назди ман ба Изреъил
биёед». Ва писарони подшоҳ ҳафтод нафар буданд, ки онҳоро
бузургони шаҳр тарбият менамуданд.
7 Ва ҳангоме ки мактуб ба онҳо расид, онҳо писарони подшоҳро
гирифтанд, ва ҳафтод нафарро куштанд, ва каллаҳои онҳоро дар
сабадҳо гузошта, назди ӯ ба Изреъил фиристоданд+.
8 Ва қосиде омад ва ба ӯ хабар дода, гуфт: «Каллаҳои писарони
подшоҳро оварданд». Ва ӯ гуфт: «Онҳоро ду ғарам карда, дар даҳани
дарвоза то субҳ бимонед».
9 Ва субҳидам ӯ берун омада, истод ва ба тамоми қавм гуфт:
«Шумо одил ҳастед! Инак, ман ба муқобили оғои худ суиқасд намуда,
ӯро куштам, — вале кист, ки ҳамаи инҳоро куштааст?
10 Пас, бидонед, ки аз каломи Худованд, ки Худованд дар бораи
хонадони Аҳъоб ба забон рондааст, ҳарфе бар замин нахоҳад афтод,
ва Худованд он чиро, ки ба воситаи бандаи худ Ильёс гуфта буд, ба
амал овард»+.

[11] Ва Еҳу ҳамаи боқимондагони хонадони Аҳъобро, ки дар
Изреъил буданд, ва ҳамаи бузургонаш ва муқаррабонаш ва
коҳинонашро кушт, ба тавре ки касе барои ӯ боқӣ намонд.

## Қатли сарварони Яҳудо.

[12] Ва бархоста, равона шуд ва ба Сомария омад. Вақте ки дар роҳ ба
Байт-Ақди чӯпонон расид,
[13] Еҳу ба бародарони Аҳазьёҳу, подшоҳи Яҳудо, дучор омада, гуфт:
«Шумо кистед?» Гуфтанд: «Мо бародарони Аҳазьёҳу ҳастем, ва барои
хабар гирифтан аз саломатии писарони подшоҳ ва писарони малика
меравем».
[14] Ва ӯ гуфт: «Инҳоро зинда дастгир кунед!» Ва онҳоро зинда
дастгир карданд, ва онҳоро, ки чилу ду нафар буданд, назди чоҳи
Байт-Ақд куштанд, ва аз онҳо касе боқӣ намонд+.
[15] Ва аз он ҷо равона шуда, бо Еҳӯнодоб ибни Рикоб, ки ба
истиқболи ӯ меомад, вохӯрд, ва ӯро табрик намуда, гуфт: «Оё дили ту
рост аст, чунон ки дили ман бо дили туст?» Ва Еҳӯнодоб гуфт: «Оре».
Гуфт: «Ин тавр бошад, дастатро бидеҳ». Вай дасти худро дод, ва ӯ
варо назди худ ба ароба баровард+.
[16] Ва гуфт: «Ҳамроҳи ман биё ва рашки маро, ки барои Худованд
дорам, бубин». Ва варо ба аробаи ӯ савор карданд.
[17] Ва ҳангоме ки ӯ ба Сомария расид, ҳамаи боқимондагони
Аҳъобро, ки дар Сомария буданд, кушт, ба тавре ки тамоман ӯро
маҳв кард, бар тибқи каломи Худованд, ки ба Ильёс гуфта буд+.
[18] Ва Еҳу тамоми қавмро ҷамъ карда, ба онҳо гуфт: «Аҳъоб Баалро
кам парастиш кард, — Еҳу варо бисьёр парастиш хоҳад кард+.

## Еҳу бутпарастиро дар Исроил решакан мекунад.

[19] Ва алҳол тамоми анбиёи Баал, ҳамаи хизматгузоронаш ва ҳамаи
коҳинонашро назди ман даъват намоед, ба тавре ки касе ғоиб
набошад, зеро ки ман забҳи бузурге барои Баал хоҳам кард. Ҳар касе
ки ғоиб бошад, зинда нахоҳад монд». Ва Еҳу инро бо найранг ба амал
овард, то ки хизматгузорони Баалро ба ҳалокат расонад+.
[20] Ва Еҳу гуфт: «Маҷлиси идона барои Баал эълон намоед!» Ва онро
эълон карданд.

[21] Ва Еҳу ба тамоми Исроил фиристод, ва ҳамаи хизматгузорони Баал омаданд, ва касе намонд, ки наомада бошад; ва онҳо ба хонаи Баал даромаданд, ва хонаи Баал сар то сар пур шуд+.

[22] Ва ӯ ба нозири ҳуҷраи либос гуфт: «Барои ҳамаи хизматгузорони Баал либос барор». Вай барои онҳо либос баровард.

[23] Ва Еҳу бо Еҳӯнодоб ибни Рикоб ба хонаи Баал дохил шуд, ва ба хизматгузорони Баал гуфт: «Тафтиш кунед ва бубинед, ки касе аз бандагони Худованд дар ин ҷо бо шумо набошад, балки танҳо хизматгузорони Баал бошанд».

[24] Ва онҳо ба тақдим намудани забҳҳо ва қурбониҳои сӯхтанӣ шурӯъ карданд. Ва Еҳу барои худ дар берун ҳаштод касро гузошта, гуфт: «Агар аз касоне ки ман ба дасти шумо бисупорам, як нафар раҳоӣ ёбад, ҷонатон ба ҷои ҷони вай хоҳад буд»+.

[25] Ва ҳангоме ки тақдим кардани қурбониҳои сӯхтанӣ ба анҷом расид, Еҳу ба шотирон ва саркардагон гуфт: «Даромада, онҳоро бикушед, ва як нафар ҳам берун наояд!» Ва онҳоро ба дами шамшер куштанд; ва шотирон ва саркардагон онҳоро бароварда партофтанд, ва ба шаҳр, андаруни хонаи Баал баргаштанд+.

[26] Ва сутунҳои хонаи Баалро берун оварда, сӯзониданд+.

[27] Ва ҳайкали Баалро шикастанд; ва хонаи Баалро хароб карданд, ва онро ба ахлотҷой табдил доданд, ки то имрӯз чунин аст+.

[28] Ва Еҳу Баалро аз Исроил нест кард.

[29] Аммо Еҳу аз гуноҳҳои Ёробъом ибни Набот, ки Исроилро гирифтори гуноҳ гардонида буд, яъне аз гӯсолаҳои тилло, ки дар Байт-Ил ва дар Дон буд, дур нашуд+.

[30] Ва Худованд ба Еҳу гуфт: «Азбаски ту он чиро, ки дар назари Ман мақбул буд, нағз иҷро кардӣ, ва ҳар чиро, ки дар дили Ман буд, дар ҳаққи хонадони Аҳъоб ба амал овардӣ, бинобар ин писаронат то насли чорум бар тахти Исроил хоҳанд нишаст»+.

[31] Валекин Еҳу саъю кӯшиш накард, ки шариати Худованд Худои Исроилро бо тамоми дили худ пайравӣ намояд: ӯ аз гуноҳҳои Ёробъом, ки Исроилро гирифтори гуноҳ гардонида буд, дур нашуд.

## Таназзули иқтидори Исроил ва фавти Еҳу.

[32] Дар он айём Худованд ба қатъ кардани Исроил шурӯъ намуд; ва Ҳазоил онҳоро дар тамоми ҳудуди Исроил зарба мезад:+

[33] Аз Урдун ба тарафи тулӯи офтоб, тамоми замини Ҷилъод:
ҷодиён ва реубениён ва менашшеиёнро, аз Арӯэр, ки бар наҳри
Арнӯн аст, ва Ҷилъод ва Бошон+.
[34] Ва бақияи аъмоли Еҳу, ва ҳар чи ӯ кард, ва тамоми корнамоии ӯ
дар китоби вақоеъномаи подшоҳони Исроил навишта шудааст.
[35] Ва Еҳу бо падарони худ хобид, ва ӯро дар Сомария дафн карданд;
ва писараш Еҳӯоҳоз ба ҷои ӯ подшоҳ шуд.
[36] Ва айёме ки Еҳу бар Исроил дар Сомария подшоҳӣ кард, бисту
ҳашт сол буд.

## Ҳалокати насли подшоҳ; танҳо Еҳӯош раҳоӣ ёфт.

# 11

1 •Ва Аталъё, модари Аҳазъёҳу, чун дид, ки писараш мурд,
бархоста, тамоми насли подшоҳро несту нобуд кард+.
2 Вале Еҳӯшобаъ, духтари подшоҳ Еҳӯром, ки хоҳари Аҳазъёҳу буд,
Еҳӯош ибни Аҳазъёҳуро гирифт, ва ӯро аз миёни писарони подшоҳ,
ки кушта шуданд, дуздида, ӯро бо ширдораш ба хонаи хобгоҳ бурд, ва
ӯро аз Аталъё пинҳон карданд, ва ӯ кушта нашуд.
3 Ва ӯ бо вай дар хонаи Худованд шаш сол пинҳон буд, дар сурате
ки Аталъё бар мамлакат подшоҳӣ мекард.
4 Ва дар соли ҳафтум Еҳӯёдоъ фиристода, мирисадҳои каритиён
ва шотиронро гирифт, ва онҳоро назди худ ба хонаи Худованд
оварда, бо онҳо аҳд баст, ва онҳоро дар хонаи Худованд қасам дода,
писари подшоҳро ба онҳо нишон дод.
5 Ва ба онҳо амр фармуда, гуфт: «Ин аст коре ки шумо бояд ба ҷо
оваред: сеяки шумо, яъне онҳое ки дар шанбе меоянд, назди хонаи
подшоҳ посбонӣ хоҳед кард;+
6 Ва сеяки шумо — назди дарвозаи Сур; ва сеяки шумо — назди
дарвозаи шотирон; ва посбонии хонаро навбат ба навбат ба амал
хоҳед овард.
7 Ва ду қисми шумо, яъне ҳамаи онҳое ки дар шанбе берун
мераванд, назди хонаи Худованд аз барои подшоҳ посбонӣ хоҳед
кард.
8 Ва подшоҳро аз ҳар тараф иҳота намоед, дар ҳолате ки ҳар якеро
аслиҳааш дар дасташ бошад, ва ҳар касе ки аз миёни сафҳои шумо
зада дарояд, бояд кушта шавад; ва ҳангоме ки подшоҳ берун меравад
ва дохил мешавад, шумо назди ӯ хоҳед буд».
9 Ва мирисадҳо ҳар он чи Еҳӯёдои коҳин амр фармуд, ба ҷо
оварданд, ва ҳар яке одамони худро, — ҳам онҳоеро, ки дар шанбе
меоянд, ва ҳам онҳоеро, ки дар шанбе берун мераванд, — гирифта,
назди Еҳӯёдои коҳин омаданд.
10 Ва коҳин найзаҳо ва сипарҳои подшоҳ Довудро, ки дар хонаи
Худованд буд, ба мирисадҳо дод+.
11 Ва шотирон, ҳар яке аслиҳааш дар дасташ, аз тарафи рости хона
то тарафи чапи хона, назди қурбонгоҳ ва назди хона, гирдогирди

подшоҳ истоданд.
[12] Ва ӯ писари подшоҳро берун оварда, тоҷ ва шаҳодат бар ӯ
гузошт, ва ӯро подшоҳ карда, тадҳин намуданд, ва қарсак зада,
гуфтанд: «Зинда бод подшоҳ!»+

## Қатли Атальё.

[13] Ва Атальё овози қавми давандаро шунида, назди қавм ба хонаи
Худованд омад.
[14] Ва дид, ки инак, подшоҳ, аз рӯи таомул, бар минбар истодааст,
ва сарварон ва карнайҳо назди подшоҳ мебошанд, ва тамоми қавми
мамлакат шодӣ мекунанд ва карнай менавозанд. Ва Атальё
либосашро чок зада, дод гуфт: «Суиқасд! Суиқасд!»+
[15] Ва Еҳӯёдои коҳин ба мирисадҳо, ки сардорони қӯшун буданд,
амр фармуд: «Варо ба миёни сафҳо берун оваред, ва ҳар касеро, ки аз
ақиби вай биравад, бо шамшер бикушед!» Зеро коҳин гуфта буд, ки
вай дар хонаи Худованд кушта нашавад.
[16] Ва ба вай роҳ доданд, ва аз роҳе ки аспон ба хонаи подшоҳ дохил
мешуданд, гузашта рафт, ва дар он ҷо кушта шуд+.
[17] Ва Еҳӯёдоъ дар миёни Худованд ва подшоҳ ва қавм аҳд баст, то
ки қавми Худованд бошанд, ва ҳамчунин дар миёни подшоҳ ва қавм.
[18] Ва тамоми қавми мамлакат ба хонаи Баал омада, онро хароб
карданд, қурбонгоҳҳо ва бутҳояшро тамоман шикастанд, ва
Маттонро, ки коҳини Баал буд, пеши қурбонгоҳҳо куштанд. Ва коҳин
навбатдоронро бар хонаи Худованд таъин намуд+.
[19] Ва мирисадҳо, ва каритиён ва шотирон ва тамоми қавми
мамлакатро гирифт, ва онҳо подшоҳро аз хонаи Худованд фурӯд
оварданд, ва бо роҳи дарвозаи шотирон ба хонаи подшоҳ дохил
шуданд; ва ӯ бар тахти подшоҳон биншаст.
[20] Ва тамоми қавми мамлакат шодӣ карданд, ва шаҳр ором ёфт. Ва
Атальёро дар хонаи подшоҳ бо шамшер куштанд.
[21] Дар вақти подшоҳ шуданаш Еҳӯош ҳафтсола буд.

## Подшоҳии Еҳӯош.

12 [1] •Дар соли ҳафтуми Еҳу Еҳӯош подшоҳ шуд, ва чил сол дар
Ерусалим подшоҳӣ кард. Ва номи модараш Сивьё, аз Беэр-
Шобаъ, буд.
[2] Ва Еҳӯош он чиро, ки дар назари Худованд мақбул буд, ба амал
овард, то даме ки Еҳӯёдои коҳин ӯро таълим медод.
[3] Аммо баландиҳо ботил карда нашуд: қавм ҳанӯз бар баландиҳо
қурбонӣ мекарданд ва бухур месӯзониданд+.
[4] Ва Еҳӯош ба коҳинон гуфт: «Тамоми нуқраи вақфро, ки ба хонаи
Худованд оварда мешавад, чунончи: нуқраи саршуморӣ, нуқраи
назри касе мувофиқи қимати нуфус, ҳар нуқрае ки касе ба дилхоҳи
худ ба хонаи Худованд меоварад, —
[5] Коҳинон, ҳар яке аз шиноси худ, бигиранд, ва рахнаҳои хонаро,
дар ҳар ҷое ки рахна ёфт шавад, таъмир намоянд».
[6] Вале, азбаски то соли бисту сеюми подшоҳ Еҳӯош коҳинон
рахнаҳои хонаро таъмир накарда буданд,
[7] Подшоҳ Еҳӯош Еҳӯёдои коҳин ва коҳинонро даъват намуда, ба
онҳо гуфт: «Чаро шумо рахнаҳои хонаро таъмир намекунед? Ва
алҳол нуқраро аз шиносҳои худ нагиред, балки онро барои рахнаҳои
хона бидиҳед».
[8] Ва коҳинон розӣ шуданд, ки на нуқраро аз қавм бигиранд, ва на
рахнаҳои хонаро таъмир намоянд.

## Таъмири хонаи Худованд.

[9] Ва Еҳӯёдои коҳин сандуқе гирифта, сӯрохе дар сарпӯши он кард,
ва онро назди қурбонгоҳ, аз тарафи рост, дар сари роҳе ки мардум ба
хонаи Худованд медаромаданд, гузошт, ва коҳинони остонабон
тамоми нуқраеро, ки ба хонаи Худованд оварда мешуд, дар он
меандохтанд+.
[10] Ва чун медиданд, ки дар сандуқ нуқра бисьёр шудааст, котиби
подшоҳ ва саркоҳин омада, нуқраи дар хонаи Худованд ёфтшударо
дар ҳамьёнҳо меандохтанд ва мешумурданд.
[11] Ва нуқраи шумурдашударо ба дасти саркороне ки бар хонаи
Худованд таъин шуда буданд, месупурданд, ва онҳо онро ба

дуредгарон ва бинокороне ки дар хонаи Худованд кор мекарданд,
сарф менамуданд,
[12] Ва ҳамчунин ба гилкорон ва сангтарошон, ва барои харидани
чӯбу тахта ва сангҳои тарошидашуда аз баҳри таъмири рахнаҳои
хонаи Худованд, ва ба ҳар чизе ки барои таъмири хона сарф мешуд.
[13] Аммо аз нуқрае ки ба хонаи Худованд меоварданд, барои хонаи
Худованд тосҳои нуқра, оташгиракҳо, косаҳо, карнайҳо, ҳар навъ
зарфи тилло ва зарфи нуқра сохта нашуд,
[14] Балки онро ба саркорон медоданд, то ки хонаи Худовандро бо
он таъмир намоянд.
[15] Ва аз касоне ки нуқраро ба дасташон месупурданд, то ки ба
саркорон бидиҳанд, ҳисобот талаб намекарданд, зеро ки онҳо аз рӯи
виҷдон амал мекарданд+.
[16] Нуқраи қурбонии ҷурм ва нуқраи қурбонии гуноҳҳо ба хонаи
Худованд дахл карда намешуд; он аз они коҳинон буд+.

## Арамиён Ҷатро забт мекунанд. Фавти Еҳӯош.

[17] Он гоҳ Ҳазоил, подшоҳи Арам, лашкар кашида, бо Ҷат ҷанг кард
ва онро забт намуд; ва Ҳазоил ният дошт, ки ба Ерусалим лашкар
кашад+.
[18] Вале Еҳӯош, подшоҳи Яҳудо, ҳамаи чизҳои вақфшударо, ки
падаронаш Еҳӯшофот ва Еҳӯром ва Аҳазьёҳу, подшоҳони Яҳудо, вақф
карда буданд, ва чизҳои вақфкардаи худаш, ва тамоми тиллоеро, ки
дар хазоини хонаи Худованд ва хонаи подшоҳ ёфт шуд, гирифта, ба
Ҳазоил, подшоҳи Арам, фиристод, ва ӯ аз Ерусалим ақиб гашт+.
[19] Ва бақияи аъмоли Еҳӯош, ва ҳар чи ӯ кард, дар китоби
вақоеъномаи подшоҳони Яҳудо навишта шудааст.
[20] Ва навкаронаш қиём намуда, суиқасд карданд, ва Еҳӯошро дар
Байт-Миллӯ, дар роҳе ки сӯи Силло мефурояд, куштанд+.
[21] Ва навкаронаш Юзохор ибни Шимъот ва Юзобод ибни Шӯмер
ӯро зарба заданд, ва ӯ мурд; ва ӯро бо падаронаш дар шаҳри Довуд
дафн карданд; ва писараш Амасьё ба ҷои ӯ подшоҳ шуд.

## Бар Исроил подшоҳ шудани Еҳӯоҳоз.

**13** 1 Дар соли бисту сеюми Еҳӯош ибни Аҳазьёҳу, подшоҳи
Яҳудо, Еҳӯоҳоз ибни Еҳу бар Исроил дар Сомария подшоҳ шуда,
ҳафдаҳ сол подшоҳӣ кард+.
2 Ва он чи дар назари Худованд бад буд, ба амал овард; ва аз паи
гуноҳҳои Ёробъом ибни Набот, ки Исроилро гирифтори гуноҳ
гардонида буд, рафта, аз онҳо дур нашуд+.
3 Ва ғазаби Худованд бар Исроил аланга зад, ва онҳоро ба дасти
Ҳазоил, подшоҳи Арам, ва ба дасти Бин-Ҳадад ибни Ҳазоил ба
тамоми айём супурд+.
4 Ва Еҳӯоҳоз пеши Худованд тазаррӯъ кард, ва Худованд ӯро
иҷобат намуд, зеро ки аҳволи табоҳи Исроилро дид, ки онҳоро
подшоҳи Арам ба танг меовард+.
5 Ва Худованд раҳокунандае ба Исроил дод, ва онҳо аз зери дасти
Арам берун омаданд, ва банӣ-Исроил дар хаймаҳои худ мисли дирӯз
ва парирӯз сокин шуданд+.
6 Аммо аз гуноҳҳои хонадони Ёробъом, ки Исроилро гирифтори
гуноҳ гардонида буд, дур нашуданд: аз паи онҳо рафтанд; Ашера низ
дар Сомария истода буд+.
7 Ва аз сипоҳи Еҳӯоҳоз фақат панҷоҳ савора, даҳ ароба ва даҳ ҳазор
пиёда боқӣ монда буд, зеро ки подшоҳи Арам онҳоро ба ҳалокат
расонида, мисли ғуборе поймол карда буд.

## Фавти Еҳӯоҳоз.

8 Ва бақияи аъмоли Еҳӯоҳоз, ва ҳар чи ӯ кард, ва корнамоие ки
нишон дод, дар китоби вақоеъномаи подшоҳони Исроил навишта
шудааст.
9 Ва Еҳӯоҳоз бо падарони худ хобид, ва ӯро дар Сомария дафн
карданд. Ва писараш Юош ба ҷои ӯ подшоҳ шуд.

## Подшоҳ шудани Юош.

10 Дар соли сию ҳафтуми Еҳӯош, подшоҳи Яҳудо, Юош ибни
Еҳӯоҳоз бар Исроил дар Сомария подшоҳ шуда, шонздаҳ сол подшоҳӣ
кард.

11 Ва он чи дар назари Худованд бад буд, ба амал овард, аз ҳамаи
гуноҳҳои Ёробъом ибни Набот, ки Исроилро гирифтори гуноҳ
гардонида буд, дур нашуд, балки дар онҳо рафтор кард+.
12 Ва бақияи аъмоли Юош, ва ҳар чи ӯ кард, ва корнамоии ӯ, ки бо
Амасьё, подшоҳи Яҳудо, ҷанг карда буд, дар китоби вақоеъномаи
подшоҳони Исроил навишта шудааст+.
13 Ва Юош бо падарони худ хобид, ва Ёробъом бар тахти ӯ нишаст.
Ва Юош дар Сомария, бо подшоҳони Исроил дафн карда шуд.

## Беморecho Элишоъ. Подшоҳ Юош назди ӯ меояд.

14 Ва Элишоъ ба беморие ки аз он мурд, гирифтор шуд; ва Юош,
подшоҳи Исроил, назди ӯ фурӯд омада, ба ҳоли ӯ гирья кард, ва гуфт:
«Эй падарам, эй падарам! Эй аробаи Исроил ва саворонаш!»+
15 Ва Элишоъ ба ӯ гуфт: «Камон ва тирҳоро бигир». Ва ӯ барои худ
камон ва тирҳоро гирифт.
16 Ва ба подшоҳи Исроил гуфт: «Дастатро бар камон бимон». Ва ӯ
дасташро монд. Ва Элишоъ дасти худро бар дастҳои подшоҳ монд,
17 Ва гуфт: «Тирезаро ба тарафи шарқ яла кун». Ва ӯ яла кард. Ва
Элишоъ гуфт: «Тир биандоз!» Ва ӯ тир андохт. Гуфт: «Ин тири наҷот
аз ҷониби Худованд аст, яъне тири наҷот аз дасти Арам аст, ва ту
арамиёнро дар Афиқ ба таври қатъӣ мағлуб хоҳӣ кард»+.
18 Ва гуфт: «Тирҳоро бигир». Ва ӯ гирифт. Ва ба подшоҳи Исроил
гуфт: «Заминро бизан». Ва ӯ се карат зада, бозистод.
19 Ва марди Худо бар ӯ хашм намуда, гуфт: «Мебоист панҷ ё шаш
карат мезадӣ, он гоҳ арамиёнро ба таври қатъӣ мағлуб мекардӣ, ва
алҳол ба арамиён се карат шикаст хоҳӣ расонид».

## Фавти Элишоъ.

20 Ва Элишоъ мурд, ва ӯро дафн карданд. Ва фавҷҳои Мӯоб дар
аввали сол ба мамлакат даромаданд.
21 Ва чунин воқеъ шуд, ки мардум касеро дафн мекарданд, ва инак,
фавҷеро диданд, ва мурдаро бар қабри Элишоъ партофтанд, ва мурда
ғелида, ба устухонҳои Элишоъ расид, ва зинда шуда, ба поҳои худ
бархост.
22 Ва Ҳазоил, подшоҳи Арам, исроилиёнро дар тамоми айёми
Еҳӯоҳоз ба танг меовард+.

23 Вале Худованд ба онҳо илтифот ва раҳм карда, ба хотири аҳди
худ, ки бо Иброҳим, Исҳоқ ва Яъқуб баста буд, ба онҳо таваҷҷӯҳ
намуд, ва нахост онҳоро несту нобуд кунад, ва то ҳол онҳоро аз
ҳузури худ дур наандохтааст.
24 Ва Ҳазоил, подшоҳи Арам, мурд, ва писараш Бин-Ҳадад ба ҷои ӯ
подшоҳ шуд.
25 Ва Юош ибни Еҳӯоҳоз шаҳрҳоеро, ки Ҳазоил аз дасти падараш
Еҳӯоҳоз ҷанг карда гирифта буд, аз дасти Бин-Ҳадад ибни Ҳазоил
гардонида гирифт. Се карат Юош ба ӯ шикаст расонида, шаҳрҳои
Исроилро баргардонид+.

## Амасьё бар Яҳудо подшоҳ мешавад. Ҷанг бо Исроил.

14 1 •Дар соли дуюми Юош ибни Еҳӯоҳоз, подшоҳи Исроил,
Амасьё ибни Еҳӯош, подшоҳи Яҳудо, подшоҳ шуд+.
2 Дар вақти подшоҳ шуданаш ӯ бисту панҷсола буд, ва бисту нӯҳ
сол дар Ерусалим подшоҳӣ кард. Ва номи модараш Еҳӯаддон, аз
Ерусалим, буд.
3 Ва он чи дар назари Худованд мақбул буд, ба амал овард, аммо
на ҳамчун падараш Довуд: ӯ аз ҳар ҷиҳат мисли он ки падараш Еҳӯош
амал карда буд, амал кард.
4 Аммо баландиҳо барҳам дода нашуд: қавм ҳанӯз бар баландиҳо
қурбонӣ мекарданд ва бухур месӯзониданд+.
5 Ва ҳангоме ки салтанат дар дасташ мустаҳкам шуд, навкарони
худро, ки падараш подшоҳро кушта буданд, ба қатл расонид+.
6 Вале писарони кушандагонро накушт, бар тибқи навиштаи
китоби Тавроти Мусо, ки дар он Худованд амр фармуда, гуфтааст:
«Падарон барои гуноҳи писарон кушта нахоҳанд шуд, ва писарон
барои гуноҳи падарон кушта нахоҳанд шуд, балки ҳар кас барои
гуноҳи худаш кушта хоҳад шуд»+.
7 Ӯ даҳ ҳазор адӯмиёнро дар водии Намак кушт, ва Селаъро дар
ҷанг забт намуда, ба он Ёқтеил ном дод, ки то имрӯз чунин аст+.
8 Он гоҳ Амасьё қосидонро назди Юош ибни Еҳӯоҳоз ибни Еҳу,
подшоҳи Исроил, фиристода, гуфт: «Биё, рӯ ба рӯ шавем».
9 Ва Юош, подшоҳи Исроил, ба Амасьё, подшоҳи Яҳудо, фиристода,
гуфт: «Мушхоре ки дар Лубнон аст, ба арзе ки дар Лубнон аст,
фиристода, гуфт: „Духтари худро ба писари ман ба занӣ бидеҳ“.
Валекин ҳайвони даштие ки дар Лубнон аст, гузар карда, мушхорро
поймол намуд+.
10 Ту Адӯмро шикаст додӣ, ва дилат мағрур шудааст. Пас, иззати
худро нигоҳ дошта, дар хонаи худ бимон. Чаро ту бадбахтиро иғво
медиҳӣ, то ки худат фурӯ ғалтӣ, ва ҳамчунин Яҳудо ҳамроҳи ту?»
11 Вале Амасьё гӯш надод. Ва Юош, подшоҳи Исроил, баромад, ва ӯ
ва Амасьё, подшоҳи Яҳудо, дар Байт-Шемеш, ки дар Яҳудост, рӯ ба рӯ
шуданд+.

[12] Ва аҳли Яҳудо пеши Исроил мағлуб гардида, ҳар яке ба
хаймаҳои худ гурехта рафтанд.
[13] Ва Юош, подшоҳи Исроил, Амасьё ибни Еҳӯош ибни Аҳазьёҳу,
подшоҳи Яҳудоро дар Байт-Шемеш дастгир намуд, ва ба Ерусалим
омада, ҳисори Ерусалимро аз дарвозаи Эфроим то дарвозаи кунҷакӣ,
ба андозаи чорсад зироъ хароб кард+.
[14] Ва тамоми тилло ва нуқра ва тамоми колоеро, ки дар хонаи
Худованд ва дар хазоини хонаи подшоҳ ёфт шуд, ва гаравгононро
гирифта, ба Сомария баргашт+.
[15] Ва бақияи аъмоле ки Юош кард, ва корнамоии ӯ, ва чӣ гуна ӯ бо
Амасьё, подшоҳи Яҳудо, ҷангид, дар китоби вақоеъномаи подшоҳони
Исроил навишта шудааст+.

## Ёробъом ворисӣ Юош гардид. Фавти Амасьё.

[16] Ва Юош бо падарони худ хобид, ва дар Сомария бо подшоҳони
Исроил дафн карда шуд, ва писараш Ёробъом ба ҷои ӯ подшоҳ шуд.
[17] •Ва Амасьё ибни Еҳӯош, подшоҳи Яҳудо, баъд аз вафоти Юош
ибни Еҳӯоҳоз, подшоҳи Исроил, понздаҳ сол зиндагӣ кард.
[18] Ва бақияи аъмоли Амасьё дар китоби вақоеъномаи подшоҳони
Яҳудо навишта шудааст.
[19] Ва дар Ерусалим бар ӯ суиқасд карданд, ва ӯ ба Локиш гурехта
рафт. Ва аз паси ӯ ба Локиш фиристода, дар он ҷо ӯро куштанд+.

## Азарьё ворисӣ Амасьё гардид.

[20] Ва ӯро бар аспон оварданд, ва дар Ерусалим ӯ бо падаронаш дар
шаҳри Довуд дафн карда шуд.
[21] Ва тамоми қавми Яҳудо Азарьёро, ки шонздаҳсола буд, гирифта,
ба ҷои падараш Амасьё подшоҳ карданд.
[22] Ӯ Эйлатро бино кард, ва баъд аз он ки подшоҳ бо падаронаш
хобид, онро ба Яҳудо баргардонид+.

## Ёробъоми 2-юм бар Исроил подшоҳ шуд.

[23] Дар соли понздаҳуми Амасьё ибни Еҳӯош, подшоҳи Яҳудо,
Ёробъом ибни Юош, подшоҳи Исроил, дар Сомария подшоҳ шуд, ва
чилу як сол подшоҳӣ кард.

24 Ва он чи дар назари Худованд бад буд, ба амал овард: аз ҳамаи
гуноҳҳои Ёробъом ибни Набот, ки Исроилро гирифтори гуноҳ
гардонида буд, дур нашуд+.
25 Ӯ ҳудуди Исроилро аз даромадгоҳи Ҳамот то баҳри Аробо аз нав
барқарор кард, бар тибқи каломи Худованд Худои Исроил, ки ба
воситаи бандаи худ Юнус ибни Амиттай, набие аз Ҷат-Ҳефар, ба
забон ронда буд+.
26 Зеро Худованд мусибати Исроилро дид, ки бағоят талх аст, ба
тавре ки на бандие мондааст, на озоде ва на мададгоре барои
Исроил,+
27 Ва Худованд аз зери осмон маҳв кардани номи Исроилро амр
нафармуд, балки онҳоро ба воситаи Ёробъом ибни Юош наҷот дод.
28 Ва бақияи аъмоли Ёробъом, ва ҳар чи ӯ кард, ва корнамоии ӯ, ки
ҷанг карда, Димишқ ва Ҳамотро аз тасарруфи Яҳудо ба Исроил
баргардонида буд, дар китоби вақоеъномаи подшоҳони Исроил
навишта шудааст+.
29 Ва Ёробъом бо падарони худ, бо подшоҳони Исроил хобид, ва
писараш Закарьё ба ҷои ӯ подшоҳ шуд.

## Подшоҳии Азарьё

# 15

[1] •Дар соли бисту ҳафтуми Ёробъом, подшоҳи Исроил,
Азарьё ибни Амасьё, подшоҳи Яҳудо, подшоҳ шуд+.
[2] Дар вақти подшоҳ шуданаш ӯ шонздаҳсола буд, ва панҷоҳу ду сол
дар Ерусалим подшоҳӣ кард; ва номи модараш Екольёҳу, аз
Ерусалим, буд.
[3] Ва он чи дар назари Худованд мақбул буд, ба амал овард, мисли
ҳар он чи падараш Амасьё ба амал оварда буд+.
[4] Аммо баландиҳо барҳам дода нашуд: қавм ҳанӯз бар баландиҳо
қурбонӣ мекарданд ва бухур месӯзониданд+.
[5] Ва Худованд подшоҳро ба бало гирифтор кард, ва ӯ то рӯзи
фавташ махавӣ буд, ва дар махавхона сукунат дошт; ва Ютом, писари
подшоҳ, бар хонаи ӯ буда, қавми мамлакатро доварӣ менамуд+.

## Фавти Азарьё ва подшоҳии Ютом.

[6] Ва бақияи аъмоли Азарьё, ва ҳар чи ӯ кард, дар китоби
вақоеъномаи подшоҳони Яҳудо навишта шудааст.
[7] Ва Азарьё бо падаронаш хобид, ва ӯро бо падаронаш дар шаҳри
Довуд дафн карданд; ва писараш Ютом ба ҷои ӯ подшоҳ шуд.

## Подшоҳии Закарьё ва фавти ӯ.

[8] Дар соли сию ҳаштуми Азарьё, подшоҳи Яҳудо, Закарьё ибни
Ёробъом бар Исроил дар Сомария подшоҳ шуд, ва шаш моҳ подшоҳӣ
кард.
[9] Ва он чи дар назари Худованд бад буд, ба амал овард, мисли он
ки падаронаш ба амал оварда буданд: аз гуноҳҳои Ёробъом ибни
Набот, ки Исроилро гирифтори гуноҳ гардонида буд, дур нашуд+.
[10] Ва Шаллум ибни Ёбиш бар ӯ суиқасд карда, ӯро дар пеши назари
қавм кушт, ва ба ҷои ӯ подшоҳ шуд.
[11] Ва бақияи аъмоли Закарьё дар китоби вақоеъномаи подшоҳони
Исроил навишта шудааст.
[12] Чунин буд каломи Худованд, ки ба Еҳу ба забон ронда, гуфта
буд: «Писаронат то насли чорум бар тахти Исроил хоҳанд нишаст».
Ва ҳамин ба амал омад+.

## Подшоҳии Шаллум ва фавти ӯ.

[13] Шаллум ибни Ёбиш дар соли сию нӯҳуми Узиё, подшоҳи Яҳудо,
подшоҳ шуд, ва як моҳ дар Сомария подшоҳӣ кард.
[14] Ва Менаҳем ибни Ҷодӣ аз Тирсо баромада, ба Сомария дохил
шуд, ва Шаллум ибни Ёбишро дар Сомария зарба зад, ва ӯро кушта, ба
ҷои ӯ подшоҳ шуд+.
[15] Ва бақияи аъмоли Шаллум, ва суиқасде ки ӯ кард, дар китоби
вақоеъномаи подшоҳони Исроил навишта шудааст.

## Подшоҳии Менаҳем.

[16] Он гоҳ Менаҳем Тирсоро бо ҳар чи дар он буд, зарба зад, ва
ҳудуди онро, аз Тифсаҳ сар карда, барои он ки ба ӯ дарвоза накушода
буд, зарба зада, ҳомиладоронашро шикамчок кард.
[17] Дар соли сию нӯҳуми Азарьё, подшоҳи Яҳудо, Менаҳем ибни
Ҷодӣ бар Исроил подшоҳ шуда, даҳ сол дар Сомария подшоҳӣ кард.
[18] Ва он чи дар назари Худованд бад буд, ба амал овард: аз
гуноҳҳои Ёробъом ибни Набот, ки Исроилро гирифтори гуноҳ
гардонида буд, тамоми айёми худ дур нашуд+.

## Тохтутози ашшуриён.

[19] Фул, подшоҳи Ашшур, бар мамлакат тохт овард. Ва Менаҳем ба
Фул ҳазор киккар нуқра дод, то ки дасти вай бо ӯ бошад, ва ӯ
салтанатро дар дасти худ мустаҳкам кунад+.
[20] Ва Менаҳем ин нуқраро бар Исроил, бар ҳамаи амлокдорон
гузошт, то ки ҳар яке аз онҳо панҷоҳ сиқл нуқра барои подшоҳи
Ашшур бидиҳад. Ва подшоҳи Ашшур баргашт, ва дар он ҷо дар
мамлакат наистод.

## Фавти Менаҳем ва подшоҳии Фақаҳьё.

[21] Ва бақияи аъмоли Менаҳем, ва ҳар чи ӯ кард, дар китоби
вақоеъномаи подшоҳони Исроил навишта шудааст.
[22] Ва Менаҳем бо падарони худ хобид, ва писараш Фақаҳьё ба ҷои ӯ
подшоҳ шуд.
[23] Дар соли панҷоҳуми Азарьё, подшоҳи Яҳудо, Фақаҳьё ибни
Менаҳем бар Исроил дар Сомария подшоҳ шуд, ва ду сол подшоҳӣ
кард.

24 Ва он чи дар назари Худованд бад буд, ба амал овард; аз
гуноҳҳои Ёробъом ибни Набот, ки Исроилро гирифтори гуноҳ
гардонида буд, дур нашуд+.

## Фавти Фақаҳъё ва подшоҳии Фақаҳ.

25 Ва саркардаи ӯ, Фақаҳ ибни Рамальёҳу, бар ӯ суиқасд намуда, бо
ҳамроҳии Арҷуб ва Арьё дар Сомария дар толори хонаи подшоҳ ӯро
зарба зад, дар сурате ки бо вай панҷоҳ нафар аз банӣ-Ҷилъод буданд;
ва ӯро кушта, ба ҷои ӯ подшоҳ шуд.
26 Ва бақияи аъмоли Фақаҳъё, ва ҳар чи ӯ кард, дар китоби
вақоеъномаи подшоҳони Исроил навишта шудааст.
27 Дар соли панҷоҳу дуюми Азаръё, подшоҳи Яҳудо, Фақаҳ ибни
Рамальёҳу бар Исроил дар Сомария подшоҳ шуд, ва бист сол
подшоҳӣ кард.
28 Ва он чи дар назари Худованд бад буд, ба амал овард: аз
гуноҳҳои Ёробъом ибни Набот, ки Исроилро гирифтори гуноҳ
гардонида буд, дур нашуд+.
29 Дар айёми Фақаҳ, подшоҳи Исроил, Тиҷлат Филосар, подшоҳи
Ашшур, омада, Ийюн ва Обил-Байт-Маако ва Ёнӯҳ ва Қодеш ва Ҳосӯр
ва Ҷилъод ва Ҷалилро, — тамоми замини Нафтолиро, — гирифт, ва
онҳоро ба Ашшур ба асирӣ бурд.
30 Ва Ҳӯшаъ ибни Эло бар Фақаҳ ибни Рамальёҳу суиқасд намуд, ва
ӯро зарба зада, кушт, ва дар соли бистуми Ютом ибни Узиё ба ҷои ӯ
подшоҳ шуд.
31 Ва бақияи аъмоли Фақаҳ, ва ҳар чи ӯ кард, дар китоби
вақоеъномаи подшоҳони Исроил навишта шудааст.

## Подшоҳии Ютом бар Яҳудо.

32 •Дар соли дуюми Фақаҳ ибни Рамальёҳу, подшоҳи Исроил,
Ютом ибни Узиё, подшоҳи Яҳудо, подшоҳ шуд+.
33 Дар вақти подшоҳ шуданаш ӯ бисту панҷсола буд, ва шонздаҳ
сол дар Ерусалим подшоҳӣ кард; ва номи модараш Ерушо бинти
Содӯқ буд.
34 Ва он чи дар назари Худованд мақбул буд, ба амал овард; мисли
ҳар он чи падараш Узиё карда буд, ӯ ба амал овард+.

35 Аммо баландиҳо барҳам дода нашуд: қавм ҳанӯз бар баландиҳо
қурбонӣ мекарданд ва бухур месӯзониданд; ӯ дарвозаи болои хонаи
Худовандро бино кард+.
36 Ва бақияи аъмоли Ютом, ва ҳар чи ӯ кард, дар китоби
вақоеъномаи подшоҳони Яҳудо навишта шудааст.
37 Дар он айём Худованд Расин, подшоҳи Арам, ва Фақаҳ ибни
Рамальёҳуро ба Яҳудо фиристодан гирифт+.
38 Ва Ютом бо падарони худ хобид, ва бо падарони худ дар шаҳри
падараш Довуд дафн карда шуд; ва писараш Оҳоз ба ҷои ӯ подшоҳ
шуд.

## Оҳоз дар Яҳудо подшоҳӣ мекунад.

16 [1] •Дар соли ҳафдаҳуми Фақаҳ ибни Рамальёҳу Оҳоз ибни
Ютом, подшоҳи Яҳудо, подшоҳ шуд.
[2] Дар вақти подшоҳ шуданаш Оҳоз бистсола буд, ва шонздаҳ сол ӯ
дар Ерусалим подшоҳӣ кард; ва он чи дар назари Худованд Худояш
мақбул буд, мисли падараш Довуд, ба амал наоvard,
[3] Балки бо роҳи подшоҳони Исроил рафтор намуд, ва ҳатто писари
худро аз оташ гузаронид, мувофиқи одатҳои зишти қавмоне ки
Худованд онҳоро аз пеши банӣ-Исроил бадар ронда буд;+
[4] Ва бар баландиҳо ва талҳо ва зери ҳар дарахти сабз қурбонӣ
мекард ва бухур месӯзонид+.

## Тохтутози арамиён.

[5] Он гоҳ Расин, подшоҳи Арам, ва Фақаҳ ибни Рамальёҳу, подшоҳи
Исроил, ба муқобили Ерусалим барои ҷанг баромада, Оҳозро
муҳосира карданд, вале натавонистанд мағлуб намоянд+.
[6] Дар он вақт Расин, подшоҳи Арам, Эйлатро ба Арам баргардонид,
ва яҳудиёнро аз Эйлат бадар ронд; ва адӯмиён ба Эйлат омада, дар он
сокин шуданд, ки то имрӯз чунин аст+.
[7] Ва Оҳоз қосидонро назди Тиҷлат Филосар, подшоҳи Ашшур,
фиристода, гуфт: «Ман бандаи ту ва писари ту ҳастам; баромада,
маро аз дасти подшоҳи Арам ва аз дасти подшоҳи Исроил, ки бар ман
қиём кардаанд, муҳофизат намо»+.
[8] Ва Оҳоз нуқра ва тиллоеро, ки дар хонаи Худованд ва дар
хазоини хонаи подшоҳ ёфт шуд, гирифта, ба подшоҳи Ашшур ҳамчун
инъом фиристод+.

## Ашшуриён Димишқро ишғол карданд.

[9] Ва подшоҳи Ашшур ба ӯ гӯш дод; ва подшоҳи Ашшур ба Димишқ
лашкар кашида, онро забт кард, ва сокинонашро ба Қир ба асирӣ
бурд, ва Расинро кушт+.
[10] Ва подшоҳ Оҳоз ба истиқболи Тиҷлат Филосар, подшоҳи Ашшур,
ба Димишқ омад, ва қурбонгоҳеро, ки дар Димишқ буд, дид, ва
подшоҳ Оҳоз сурати қурбонгоҳ ва тарҳи тамоми сохти онро ба Уриёи
коҳин фиристод+.

[11] Ва Уриёи коҳин қурбонгоҳе бино кард; мувофиқи ҳар он чи
подшоҳ Оҳоз аз Димишқ фиристода буд, Уриёи коҳин то вақти аз
Димишқ баргаштани подшоҳ Оҳоз ончунон ба амал овард.
[12] Ва подшоҳ аз Димишқ омад, ва подшоҳ қурбонгоҳро дид, ва
подшоҳ ба қурбонгоҳ наздик омада, қурбонӣ бар он тақдим намуд;
[13] Ва қурбонии сӯхтанӣ ва ҳадияи ордии худро сӯзонид, ва ҳадияи
рехтании худро рехт, ва хуни қурбонии саломатии худро бар
қурбонгоҳ пошид.
[14] Ва қурбонгоҳи мисинро, ки дар ҳузури Худованд буд, аз
пешгоҳи хона, яъне аз ҷое ки дар миёни қурбонгоҳ ва хонаи
Худованд буд, кӯчонид, ва онро аз паҳлуи шимолии он қурбонгоҳ
гузошт+.
[15] Ва подшоҳ Оҳоз ба Уриёи коҳин амр фармуда, гуфт: «Қурбонии
сӯхтании субҳ ва ҳадияи ордии шом, ва қурбонии сӯхтании подшоҳ
ва ҳадияи ордии ӯ, ва қурбонии сӯхтании тамоми қавми кишвар, ва
ҳадияи ордии онҳо ва ҳадияҳои рехтании онҳоро бар қурбонгоҳи
бузург бисӯзон, ва тамоми хуни қурбониҳои сӯхтанӣ ва тамоми хуни
забҳҳоро бар он бипош; ва қурбонгоҳи мисин барои ман бошад, то ки
зиёрат намоям»+.
[16] Ва Уриёи коҳин мувофиқи ҳар он чи подшоҳ Оҳоз амр фармуда
буд, ба амал овард.
[17] Ва подшоҳ Оҳоз ҳошияҳои пояҳоро бурида, дастшӯякҳоро аз
болояшон бардошт, ва ҳавзро аз болои говони мисине ки дар тагаш
буданд, фурӯд овард, ва онро бар фарши сангин гузошт+.
[18] Ва долони шанбегиро, ки дар хона бино карда буданд, ва
даромадгоҳеро, ки подшоҳ аз берун ба он дохил мешуд, ба муддаои
табъи подшоҳи Ашшур тағйир дода, ба тарафи хонаи Худованд
нигаронид+.

## Фавти Оҳоз. Подшоҳ шудани Ҳизқиё.

[19] Ва бақияи аъмоли Оҳоз, ки кард, дар китоби вақоеъномаи
подшоҳони Яҳудо навишта шудааст.
[20] Ва Оҳоз бо падарони худ хобид, ва бо падарони худ дар шаҳри
Довуд дафн карда шуд; ва писараш Ҳизқиё ба ҷои ӯ подшоҳ шуд.

## Подшоҳии Ҳӯшаъ бар Исроил.

**17** 1 Дар соли дувоздаҳуми Оҳоз, подшоҳи Яҳудо, Ҳӯшаъ ибни
Эло дар Сомария бар Исроил подшоҳ шуд, ва нӯҳ сол подшоҳӣ
кард+.
2 Ва он чи дар назари Худованд бад буд, ба амал овард, аммо на
ҳамчун подшоҳони Исроил, ки пеш аз ӯ буданд.
3 Шалмансар, подшоҳи Ашшур, бар ӯ лашкар кашид, ва Ҳӯшаъ
бандаи вай гардида, ба вай хироҷ медод+.

## Даҳ сибти Исроил ба асирӣ бурда шуданд.

4 Ва подшоҳи Ашшур дар Ҳӯшаъ хиёнат ёфт, чунки ӯ қосидонро
назди Сӯ, подшоҳи Миср, фиристода буд, ва хироҷи ҳарсоларо барои
подшоҳи Ашшур адо накард; ва подшоҳи Ашшур ӯро дастгир карда,
дар зиндон андохт.
5 Ва подшоҳи Ашшур тамоми кишварро ишғол намуда, ба Сомария
наздик омад, ва онро се сол муҳосира кард+.
6 Подшоҳи Ашшур дар соли нӯҳуми Ҳӯшаъ Сомарияро забт намуд,
ва исроилиёнро ба Ашшур ба асирӣ бурд, ва онҳоро дар Ҳалаҳ ва дар
атрофи Ҳобӯр, ки наҳри Ҷӯзон аст, ва дар шаҳрҳои Модай ҷойгир
кард+.
7 Ва ин аз он сабаб рӯй дод, ки банӣ-Исроил пеши Худованд Худои
худ, ки онҳоро аз замини Миср, аз зери дасти фиръавн, подшоҳи
Миср, берун оварда буд, гуноҳ карданд, ва аз худоёни дигар
тарсиданд;+
8 Ва бар тибқи фароизи халқҳое ки Худованд аз пеши банӣ-Исроил
бадар ронда буд, ва мувофиқи таомуле ки подшоҳони Исроил ҷорӣ
намуда буданд, рафтор карданд;+
9 Ва банӣ-Исроил суханони нодурусте дар ҳаққи Худованд Худои
худ бофта бароварданд, ва дар ҳамаи шаҳрҳои худ, аз бурҷи дидбонӣ
то шаҳри ҳисордор, баландиҳо барои худ бино карданд;+
10 Ва бар ҳар тали баланд ва зери ҳар дарахти сабз сутунҳо ва
Ашераҳо барои худ гузоштанд;+
11 Ва дар он ҷо, бар ҳамаи баландиҳо, мисли халқҳое ки Худованд
аз пеши онҳо бадар ронда буд, бухур сӯзониданд, ва корҳои баде
карда, Худовандро ба хашм оварданд;

12 Ва бутҳоро ибодат карданд, ки дар бораи онҳо Худованд гуфта
буд: «Ин корро накунед»;+
13 Ва Худованд ба воситаи ҳар набӣ ва ҳар пешбин Исроил ва
Яҳудоро таъкид карда, гуфт: «Аз роҳҳои бади худ баргардед ва
аҳкому фароизи Маро мувофиқи тамоми шариате ки ба падарони
шумо амр фармудаам, ва ба воситаи бандагонам анбиё ба шумо
фиристодаам, риоя намоед»+.
14 Вале онҳо гӯш надоданд, ва гардани худро мисли гардани
падаронашон, ки ба Худованд Худои худ имон наоварда буданд, сахт
карданд;+
15 Ва аз фароизи Ӯ, ва аз аҳде ки Ӯ бо падаронашон баста буд, ва аз
шаҳодоте ки Ӯ ба онҳо дода буд, нафрат карданд, ва аз паи чизҳои
ҳеҷу пуч рафта, худашон ҳеҷу пуч шуданд, ва низ аз паи халқҳое ки
дар гирду пешашон буданд, ва Худованд ба онҳо амр фармуда буд, ки
мисли онҳо амал накунанд;+
16 Ва тамоми аҳкоми Худованд Худои худро онҳо тарк карда, ду
гӯсолаи рехта барои худ сохтанд, ва Ашера сохтанд, ва ба тамоми
лашкари осмон саҷда бурданд, ва Баалро ибодат карданд+.
17 Ва писарону духтарони худро аз оташ гузарониданд, ва ҷоду
карданд ва фол кушоданд, ва ба он дода шуданд, ки он чи дар назари
Худованд бад аст, ба амал оварда, Ӯро хашмгин кунанд;+
18 Ва Худованд бағоят бар Исроил ғазаб намуда, онҳоро аз ҳузури
Худ дур кард; ҷуз аз як сибти Яҳудо касе боқӣ намонд.
19 Лекин аҳли Яҳудо низ аҳкоми Худованд Худои худро ба ҷо
наоварданд, балки бар тибқи фароизе ки исроилиён муқаррар
намуда буданд, рафтор карданд+.
20 Ва Худованд аз тамоми насли Исроил нафрат карда, онҳоро
мазлум гардонид, ва онҳоро ба дасти тороҷгарон супурд, то ба
дараҷае ки онҳоро аз ҳузури Худ дур андохт+.
21 Зеро ки исроилиён худро аз хонадони Довуд бурида ҷудо
карданд, ва Ёробъом ибни Наботро подшоҳ сохтанд; ва Ёробъом
исроилиёнро аз пайравии Худованд дур кард, ва онҳоро гирифтори
гуноҳи азим гардонид+.
22 Ва банӣ-Исроил дар ҳамаи гуноҳҳое ки Ёробъом ба амал оварда
буд, рафтор карда, аз онҳо дур нашуданд,

23 То даме ки Худованд Исроилро аз ҳузури худ дур андохт, чунон
ки ба воситаи ҳамаи бандагони Худ анбиё гуфта буд; ва исроилиён аз
замини худ ба Ашшур ҷалои ватан шуданд, ки то имрӯз чунин аст.

## Дар шаҳрҳои Исроил нав-омадагон сокин шуданд.

24 Ва подшоҳи Ашшур аз Бобил ва Куто ва Авво ва Ҳамот ва
Сафарвоим одам оварда, онҳоро дар шаҳрҳои Сомария ба ҷои банӣ-
Исроил ҷойгир гардонид, ва онҳо Сомарияро тасарруф намуда, дар
шаҳрҳояш сокин шуданд+.
25 Ва чунин воқеъ шуд, ки онҳо дар ибтидои дар он ҷо сокин
шуданашон аз Худованд натарсиданд, ва Худованд шеронро бар онҳо
фиристод, ва баъзе аз онҳо кушта шуданд.
26 Ва ба подшоҳи Ашшур хабар расонида, гуфтанд: «Халқҳое ки ту
кӯчонида, дар шаҳрҳои Сомария ҷойгир кардӣ, қонуни Худои он
заминро намедонанд, ва Ӯ шеронро бар онҳо фиристодааст, ва инак,
онҳоро мекушанд, чунки онҳо қонуни он заминро намедонанд».
27 Ва подшоҳи Ашшур амр фармуда, гуфт: «Яке аз коҳинонро, ки
шумо аз он ҷо кӯчонидаед, ба он ҷо равона кунед, то ки рафта дар он
ҷо сокин шавад, ва қонуни Худои он заминро ба онҳо таълим диҳад».
28 Ва яке аз коҳиноне ки варо аз Сомария кӯчонида буданд, омада,
дар Байт-Ил сокин шуд; ва ӯ онҳоро таълим медод, ки чӣ гуна аз
Худованд тарсанд+.
29 Ва ҳар халқ худоёни худро сохтанд, ва дар ибодатхонаҳое ки
сомариён бар баландиҳо барпо карда буданд, гузоштанд, — ҳар халқ
дар шаҳрҳои худ, ки дар он ҷо сокин буданд,
30 Яъне мардуми Бобил Саккут-Банӯтро сохтанд, ва мардуми Кут
Нирҷалро сохтанд, ва мардуми Ҳамот Ашиморо сохтанд,
31 Ва аввиён Нибҳоз ва Тартоқро сохтанд, ва сафарвиён писарони
худро барои Адрамалик ва Анамалик, ки худоёни сафарвиён буданд,
дар оташ месӯзониданд+.
32 Ва аз Худованд низ метарсиданд, ва аз миёни худ коҳинони
баландиҳоро таъин менамуданд, ки онҳо дар ибодатхонаи
баландиҳо қурбонӣ мекарданд+.
33 Онҳо аз Худованд метарсиданд, ва дар айни ҳол худоёни худро,
мувофиқи таомули халқҳое ки аз миёнашон кӯчонида шуда буданд,
ибодат мекарданд+.

34 То имрӯз онҳо мувофиқи таомулҳои пештараи худ рафтор
мекунанд: аз Худованд наметарсанд, ва бар тибқи фароиз ва
дастурҳои Ӯ рафтор намекунанд, яъне бар тибқи шариат ва аҳкоме
ки Худованд ба банӣ-Яъқуб, ки ӯро Исроил ном ниҳода буд, амр
фармудааст,+
35 Ва Худованд бо онҳо аҳд бастааст, ва ба онҳо амр фармуда,
гуфтааст: «Аз худоёни дигар натарсед, ва ба онҳо саҷда набаред, ва
онҳоро ибодат нанамоед, ва барои онҳо қурбонӣ накунед,+
36 Балки фақат аз Худованд, ки шуморо аз замини Миср бо қувваи
бузург ва бозуи тӯлонӣ берун овард, битарсед, ва барои Ӯ қурбонӣ
кунед,+
37 Ва фароиз ва дастурҳо ва шариат ва аҳкомеро, ки Ӯ барои шумо
навиштааст, риоя намуда, тамоми айём ба амал оваред, ва аз худоёни
дигар натарсед,+
38 Ва аҳдеро, ки Ман бо шумо бастаам, фаромӯш накунед, ва аз
худоёни дигар натарсед,
39 Балки фақат аз Худованд Худои худ битарсед, ва Ӯ шуморо аз
дасти душманонатон раҳо хоҳад кард».
40 Валекин онҳо гӯш надоданд, балки мувофиқи таомули
пештараи худ рафтор карданд.
41 Ва ин халқҳо аз Худованд метарсиданд, вале бутҳои худро
ибодат мекарданд, ва ҳамчунин писарони онҳо ва писарони
писарони онҳо ҳамон тавр, ки падаронашон рафтор мекарданд, то
имрӯз рафтор мекунанд+.

## Ҳизқиё бар Яҳудо подшоҳӣ мекунад.

18 [1] •Ва дар соли сеюми Ҳӯшаъ ибни Эло, подшоҳи Исроил,
Ҳизқиё ибни Оҳоз, подшоҳи Яҳудо, подшоҳ шуд.
[2] Дар вақти подшоҳ шуданаш ӯ бисту панҷсола буд, ва бисту нӯҳ
сол дар Ерусалим подшоҳӣ кард; ва номи модараш Абӣ бинти
Закарьё буд.
[3] Ва он чи дар назари Худованд мақбул буд, ба амал овард, мисли
ҳар он чи падараш Довуд ба амал оварда буд.
[4] Ӯ баландиҳоро барҳам дод, ва сутунҳоро шикаст, ва Ашераро
маҳв намуд, ва мори мисинро, ки Мусо сохта буд, пора-пора кард,
зеро ки то он айём банӣ-Исроил барояш бухур месӯзониданд, ва ӯ
онро Наҳуштон номид+.
[5] Ба Худованд Худои Исроил таваккал менамуд, ва баъд аз ӯ касе
дар миёни ҳамаи подшоҳони Яҳудо мисли ӯ набуд, ва дар миёни
онҳое низ, ки пеш аз ӯ буданд+.
[6] Ва ба Худованд часпида, аз пайравии Ӯ дур намешуд, ва
аҳкомеро, ки Худованд ба Мусо амр фармуда буд, риоя мекард.
[7] Ва Худованд бо Ӯ буд: ба ҳар чи ӯ иқдом менамуд, муваффақият
меёфт; ва ба подшоҳи Ашшур осӣ шуда, хизматашро дигар ба ҷо
наовард.
[8] Ӯ фалиштиёнро аз Ғазза ва ҳудуди он, аз бурҷи дидбонӣ то
шаҳри ҳисордор зарба зад+.
[9] Ва дар соли чоруми подшоҳ Ҳизқиё, ки соли ҳафтуми Ҳӯшаъ
ибни Эло, подшоҳи Исроил буд, Шалманосар, подшоҳи Ашшур, бар
Сомария лашкар кашида, онро муҳосира намуд+.
[10] Ва баъд аз се сол, дар соли шашуми Ҳизқиё, онро забт карданд,
яъне дар соли нӯҳуми Ҳӯшаъ, подшоҳи Исроил, Сомария забт карда
шуд.
[11] Ва подшоҳи Ашшур исроилиёнро ба Ашшур кӯчонид, ва онҳоро
дар Ҳалаҳ ва дар атрофи Ҳобӯр, ки наҳри Ҷӯзон аст, ва дар шаҳрҳои
Модай ҷойгир кард,+
[12] Аз боиси он ки онҳо ба овози Худованд Худои худ гӯш надоданд,
ва аҳди Ӯро, яъне ҳар чиро, ки Мусо, бандаи Худованд, амр фармуда
буд, вайрон карданд; на гӯш доданд ва на ба амал оварданд+.

## Санҳериб ба Яҳудо зада медарояд.

13 •Ва дар соли чордаҳуми подшоҳ Ҳизқиё Санҳериб, подшоҳи Ашшур, бар ҳамаи шаҳрҳои ҳисордори Яҳудо лашкар кашид, ва онҳоро забт намуд.

14 Ва Ҳизқиё, подшоҳи Яҳудо, назди подшоҳи Ашшур ба Локиш фиристода, гуфт: «Хато кардам; аз ман баргард; ҳар чи ба гарданам бор кунӣ, хоҳам бардошт». Ва подшоҳи Ашшур ба гардани Ҳизқиё, подшоҳи Яҳудо, сесад киккар нуқра ва сӣ киккар тилло гузошт+.

15 Ва Ҳизқиё тамоми нуқраеро, ки дар хонаи Худованд ва дар хазоини хонаи подшоҳ ёфт шуд, дод+.

16 Дар он вақт Ҳизқиё тиллоро аз дарҳои толори хонаи Худованд ва аз сутунҳое ки Ҳизқиё, подшоҳи Яҳудо, бо тилло пӯшонида буд, канда гирифт, ва онро ба подшоҳи Ашшур дод.

17 Ва подшоҳи Ашшур Тартон ва Рабсорис ва Рабшоқеро бо қӯшуни бузурге аз Локиш назди подшоҳ Ҳизқиё фиристод, ва онҳо баромада, ба Ерусалим расиданд; ва баромада, расиданд ва назди ҷӯи ҳавзи боло, ки ба сари роҳи саҳрои козар буд, истоданд+.

18 Ва ҳангоме ки онҳо подшоҳро хонданд, Эльёқим ибни Ҳилқиёҳу, ки нозири хона буд, ва Шабнои котиб ва Юоҳ ибниОсофи вақоеънавис назди онҳо берун омаданд+.

19 Ва Рабшоқе ба онҳо гуфт: «Ба Ҳизқиё бигӯед: „Подшоҳи муаззам, подшоҳи Ашшур, чунин мегӯяд: ин чӣ таваккал аст, ки ту таваккал мекунӣ?

20 Ту сухан меронӣ, аммо магар суханронӣ машварат ва кувват аст барои ҷанг? Пас, алҳол ту ба кӣ таваккал кардаӣ, ки ба ман осӣ шудаӣ?

21 Инак, ту алҳол ба ин асои наини нимшикаста, яъне ба Миср, таваккал кардаӣ, ки кас агар бар он такья намояд, он ба дасташ халида, варо маҷрӯҳ месозад. Чунин аст фиръавн, подшоҳи Миср, барои ҳамаи онҳое ки ба ӯ таваккал мекунанд+.

22 Ва агар шумо ба ман бигӯед: «Мо ба Худованд Худои худ таваккал мекунем», — вай оё ҳамон аст, ки баландиҳо ва қурбонгоҳҳои варо Ҳизқиё барҳам додааст ва ба Яҳудо ва Ерусалим гуфтааст: «Фақат пеши ин қурбонгоҳ дар Ерусалим саҷда баред»+?

[23] Ва алҳол ту бо оғоям, подшоҳи Ашшур, гарав бибанд: ман ба ту
ду ҳазор асп медиҳам, — оё ту метавонӣ саворон бар онҳо пайдо
кунӣ?
[24] Пас, чӣ гуна ту метавонӣ ҳуҷуми як пошоро, ки хурдтарини
бандагони оғоям бошад, рад намоӣ, дар сурате ки ба Миср аз барои
аробаҳо ва саворон таваккал кардаӣ?
[25] Дар айни ҳол, оё ман бидуни иродаи Худованд ба ин макон
лашкар кашидаам? Худованд ба ман гуфтааст: ба муқобили ин замин
баро ва онро хароб намо“».

## Гуфтушунид бо Рабшоқе.

[26] Ва Эльёқим ибни Ҳилқиёҳу ва Шабно ва Юоҳ ба Рабшоқе
гуфтанд: «Лутфан, бо бандагонат ба забони арамӣ гуфтугӯ намо, ки
мо онро мефаҳмем, ва бо мо дар гӯши қавме ки болои ҳисор
мебошанд, ба забони яҳудӣ гап назан»+.
[27] Вале Рабшоқе ба онҳо гуфт: «Оё оғоям маро фақат назди оғоят ва
ту фиристодааст, то ки ин суханонро бигӯям? Балки назди касоне ки
бар ҳисор нишастаанд, ки онҳо бояд бо шумо наҷосати худро
бихӯранд ва пешоби худро бинӯшанд».
[28] Ва Рабшоқе бархоста, бо овози баланд ба забони яҳудӣ хитоб
намуд, ва сухан ронда, гуфт: «Ба суханони подшоҳи муаззам,
подшоҳи Ашшур, гӯш диҳед!
[29] Подшоҳ чунин мегӯяд: „Бигзор Ҳизқиё шуморо фиреб надиҳад,
зеро ки ӯ наметавонад шуморо аз дасти ман раҳо кунад.
[30] Ва бигзор Ҳизқиё ба Худованд умедвор карда, нагӯяд: Худованд
моро албатта раҳо хоҳад кард, ва ин шаҳрро ба дасти подшоҳи
Ашшур нахоҳад дод“.
[31] Ба Ҳизқиё гӯш надиҳед, зеро ки подшоҳи Ашшур чунин мегӯяд:
„Бо ман сулҳ кунед ва назди ман берун оед, ва ҳар кас аз токи худ ва
ҳар кас аз дарахти анҷири худ мева хоҳад хӯрд, ва ҳар кас аз чоҳи худ
об хоҳад нӯшид,+
[32] То даме ки ман омада, шуморо ба замине мисли замини
худатон бибарам, яъне ба замини ғалла ва шираи ангур, ба замини
нон ва токзор, ба замини равғани зайтун ва асал, то ки шумо зинда
монед ва намиред. Пас, ба Ҳизқиё гӯш надиҳед, зеро ки ӯ шуморо
фиреб дода, мегӯяд: Худованд моро раҳо хоҳад кард+.

33 Оё худоёни халқҳо ҳар яке замини худро аз дасти подшоҳи
Ашшур раҳо кардаанд?
34 Куҷоянд худоёни Ҳамот ва Арфод? Куҷоянд худоёни Сафарвоим,
Ҳенаъ ва Ивво? Оё онҳо Сомарияро аз дасти ман раҳо карданд+?
35 Аз ҳамаи худоёни ин заминҳо кист, ки замини худро аз дасти
ман раҳо карда бошад, то ки Худованд Ерусалимро аз дасти ман раҳо
кунад?“»+
36 Валекин қавм хомӯш монда, ба ӯ ҳеҷ ҷавоб надоданд, зеро
подшоҳ амр фармуда, гуфта буд, ки «ба ӯ ҷавоб надиҳед».
37 Ва Эльёқим ибни Ҳилқиёҳу, ки нозири хона буд, ва Шабнои
котиб ва Юоҳ ибниОсофи вақоеънавис бо ҷомаҳои чокзада назди
Ҳизқиё омаданд, ва суханони Рабшоқеро ба ӯ нақл карданд.

## Ҳизқиё ба Ишаъё муроҷиат мекунад.

**19** [1] •Ва чун подшоҳ Ҳизқиё инро шунид, либосашро чок зад, ва
палос пӯшида, ба хонаи Худованд омад.
[2] Ва Эльёқимро, ки нозири хона буд, ва Шабнои котиб ва пирони
коҳинонро, ки палос пӯшида буданд, назди набӣ, Ишаъё ибни Омӯс,
фиристод+.
[3] Ва онҳо ба ӯ гуфтанд: «Ҳизқиё чунин мегӯяд: „Имрӯз рӯзи
мусибат ва ҷазо ва нанг аст, зеро ки кӯдакон то даҳани бачадон
расидаанд, вале қуввати зоидан нест+.
[4] Кошки Худованд Худои ту ҳамаи суханони Рабшоқеро, ки оғояш
подшоҳи Ашшур барои таҳқир кардани Худои Ҳай фиристодааст,
мешунид, ва ӯро барои суханоне ки Худованд Худои ту шунидааст,
ҷазо медод! Пас, барои бақияе ки ҳанӯз вуҷуд доранд, истиғоса
намо“»+.
[5] Ва бандагони подшоҳ Ҳизқиё назди Ишаъё омаданд.
[6] Ва Ишаъё ба онҳо гуфт: «Ба оғои худ чунин гӯед: „Худованд
чунин мегӯяд: аз суханоне ки шунидаӣ, ки бо онҳо навкарони
подшоҳи Ашшур Маро ҳақорат додаанд, натарс+.
[7] Инак, Ман бар ӯ рӯҳе мефиристам, ва ӯ хабаре шунида, ба
замини худ хоҳад баргашт; ва Ман ӯро дар замини худаш бо шамшер
фурӯ хоҳам ғалтонид“».

## Санҳериб дар ҳаққи Худои Исроил густохона сухан меронад.

8 Ва Рабшоқе баргашта, подшоҳи Ашшурро дар ҳолате ёфт, ки бо
Либно ҷанг мекард, зеро шунида буд, ки вай аз Локиш ақиб
рафтааст+.
9 Ва дар бораи Тирҳоқо, подшоҳи Куш, шунида буд, ки мегуфтанд:
«Инак, вай берун омадааст, то ки бо ту ҷанг кунад». Ва бори дигар
қосидонро назди Ҳизқиё фиристода, гуфт:
10 «Ба Ҳизқиё, подшоҳи Яҳудо, чунин гӯед: „Бигзор Худои ту туро
фирефта нанамояд, ки ту ба Ӯ таваккал карда, мегӯӣ: Ерусалим ба
дасти подшоҳи Ашшур супурда нахоҳад шуд.
11 Инак, ту шунидаӣ, ки подшоҳони Ашшур бо ҳамаи заминҳо чӣ
кардаанд ва чӣ гуна онҳоро торумор намудаанд, — пас, ту оё раҳо
хоҳӣ шуд?
12 Оё худоёни халқҳое ки падаронам барҳам додаанд, чунончи:
Ҷӯзон ва Ҳорон ва Росаф ва банӣ-Адан, ки дар Талассор буданд,
онҳоро раҳо карданд+?
13 Куҷост подшоҳи Ҳамот ва подшоҳи Арфод ва подшоҳи шаҳри
Сафарвоим, Ҳенаъ ва Ивво?“»+

## Дуои Ҳизқиё.

14 Ва Ҳизқиё мактубҳоро аз дасти қосидон гирифта, хонд; ва
Ҳизқиё ба хонаи Худованд рафта, онҳоро ба ҳузури Худованд паҳн
кард.
15 Ва Ҳизқиё ба ҳузури Худованд дуо хонда, гуфт: «Эй Худованд
Худои Исроил, ки бар каррубиён нишастаӣ! Туӣ, ки ба танҳоӣ Худои
ҳамаи мамлакатҳои замин ҳастӣ; Ту осмон ва заминро офаридаӣ+.
16 Эй Худованд, гӯши Худро хам карда, бишнав; эй Худованд,
чашмони Худро кушода, бубин; ва суханони Санҳерибро бишнав, ки
вай барои таҳқир кардани Худои Ҳай фиристодааст+.
17 Эй Худованд, дар ҳақиқат подшоҳони Ашшур халқҳоро бо
заминҳои онҳо хароб кардаанд,
18 Ва худоёни онҳоро дар оташ андохтаанд, зеро ки онҳо худо не,
балки маснӯи дасти одамизод, чӯб ва санг буд, бинобар ин онҳоро
нест карданд+.

[19] Ва алҳол, эй Худованд Худои мо, лутфан, моро аз дасти вай
наҷот деҳ, то ҳамаи мамлакатҳои замин бидонанд, ки Ту, эй
Худованд, ба танҳоӣ Худо ҳастӣ»+.

## Худованд ба воситаи Ишаъёи набӣ ҷавоб медиҳад.

[20] Ва Ишаъё ибни Омӯс назди Ҳизқиё фиристода, гуфт: «Худованд
Худои Исроил чунин мегӯяд: он чиро, ки ту пеши Ман дар ҳаққи
Санҳериб, подшоҳи Ашшур, дар дуои худ гуфтӣ, иҷобат намудам.
[21] Чунин аст сухане ки Худованд дар бораи вай гуфтааст:
духтари бокираи Сион аз ту нафрат намуда, туро тамасхур кардааст,
ва духтари Ерусалим аз қафои ту сар ҷунбонидааст!
[22] Киро ту таҳқир намудаӣ ва дашном додаӣ?
Ва дар ҳаққи кӣ овоз баланд кардаӣ
ва чашмони худро боло бардоштаӣ?
Дар ҳаққи Қуддуси Исроил!
[23] Ба воситаи қосидони худ Худовандро таҳқир намуда,
гуфтаӣ: „Бо анбӯҳи аробаҳои худ ман ба қуллаи кӯҳҳо,
бар ақсои Лубнон баромадаам,
ва арзҳои болобаланд ва сарвҳои гузини онро буридаам,
ва ба қуллаи баландтарини он, ба боғистони ҳосилхези он
расидаам;+
[24] Ва ман чоҳ канда, оби бегонаро нӯшидаам;
ва бо кафи пойҳои худ ҳамаи наҳрҳои Мисрро хушк хоҳам кард“.
[25] Оё нашнидаӣ,
ки Ман аз замони пеш инро қарор додаам,
аз қадимулайём инро пешбинӣ намудаам,
ва ҳоло инро тавре ба амал овардаам,
ки ту шаҳрҳои истеҳкомдорро валангор карда, ба харобазор табдил
медиҳӣ+?
[26] Ва сокинони онҳо камқувват, ҳаросон ва хиҷил шудаанд:
онҳо мисли алафи саҳро ва майсаи навхез, ва сабзаи болои бомҳо,
ва мисли киштзоре ки пеш аз хӯша бастанаш
хушк шуда бошад, гардидаанд+.
[27] Вале Ман нишастани туро, ва баромадани туро,
ва даромадани туро медонам;
ва адоватеро, ки ба ман дорӣ+.

28 Азбаски адовате ки ба ман дорӣ,
ва лоуболии ту ба гӯши ман расидааст,
бинобар ин маҳори Худро ба бинии ту,
ва ҷилави Худро ба даҳони ту хоҳам зад,
ва туро бо роҳе ки омадаӣ, хоҳам баргардонид+.
29 Ва аломат барои ту, эй Ҳизқиё, чунин аст:
имсол ғаллаи худрӯй хоҳед хӯрд, ва дар соли дуюм — он чи аз он
бирӯяд; ва дар соли сеюм кишт кунед ва дарав намоед, ва токҳо
шинонед ва меваи онҳоро бихӯред+.
30 Ва растагорони хонадони Яҳудо, ки боқӣ мондаанд, аз нав дар
поён реша хоҳанд давонид, ва дар боло мева хоҳанд овард,+
31 Зеро ки бақия аз Ерусалим, ва растагорон аз Сион ба вуҷуд
хоҳанд омад. Рашки Худованди лашкарҳо инро ба амал хоҳад овард+.
32 Бинобар ин Худованд дар бораи подшоҳи Ашшур чунин мегӯяд:
вай ба ин шаҳр ворид нахоҳад шуд, ва ба он ҷо тир нахоҳад андохт, ва
назди он бо сипар нахоҳад омад, ва дар муқобили он хокрез барпо
нахоҳад кард+.
33 Бо кадом роҳе ки омадааст, бо ҳамон хоҳад баргашт, валекин ба
ин шаҳр ворид нахоҳад шуд, — мегӯяд Худованд, — .
34 Ва Ман ин шаҳрро ҳимоят хоҳам кард, то ки онро ба хотири
Худам ва ба хотири бандаи Худ Довуд наҷот диҳам».
35 Ва дар он шаб чунин воқеъ шуд, ки фariштаи Худованд берун
омада, саду ҳаштоду панҷ ҳазор нафарро дар ӯрдугоҳи Ашшур зарба
зад, ва бомдодон, вақте ки бархостанд, инак, ҳамаашон ҷасадҳои
мурда буданд+.
36 Ва Санҳериб, подшоҳи Ашшур, ба роҳ даромада, равона шуд ва
баргашта, дар Нинве сокин гардид+.
37 Ва ҳангоме ки ӯ дар хонаи худояш Нисрӯк ибодат менамуд,
писаронаш Адрамалик ва Шарэсар ӯро бо шамшер куштанд, ва
худашон ба замини Аророт гурехтанд; ва писараш Эсар-Ҳаддӯн ба
ҷои ӯ подшоҳ шуд+.

## Беморӣ ва шифои Ҳизқиё.

20 [1] •Дар он айём Ҳизқиё бемор шуда, наздик ба мурдан буд; ва
набӣ, Ишаъё ибни Омӯс, назди ӯ омада, ба ӯ гуфт: «Худованд
чунин мегӯяд: „Барои аҳли байти худ васият намо, зеро ки ту хоҳӣ
мурд ва шифо нахоҳӣ ёфт“».
[2] Ва ӯ рӯи худро ба девор гардонид, ва сӯи Худованд дуо хонда,
гуфт:
[3] «Лутфан, эй Худованд, ба ёд овар, ки чӣ гуна ман ба ҳузури Ту бо
ростӣ ва аз самими қалб рафтор намудаам, ва он чи дар назари Ту
мақбул буд, ба амал овардаам». Ва Ҳизқиё зор-зор гирист+.
[4] Ва чунин воқеъ шуд, ки Ишаъё ҳанӯз ба сахни миёна набаромада
буд, ки каломи Худованд бар ӯ нузул карда, гуфт:
[5] «Баргард ва ба Ҳизқиё, ки раиси қавми Ман аст, бигӯй:
„Худованд, Худои падарат Довуд, чунин мегӯяд: дуои туро шунидам,
ашкҳои туро дидам. Инак, Ман туро шифо хоҳам дод: баъд аз се рӯз
ту ба хонаи Худованд дохил хоҳӣ шуд+.
[6] Ва Ман бар рӯзҳои ту понздаҳ сол илова менамоям, ва туро, ва ин
шаҳрро аз дасти подшоҳи Ашшур раҳо хоҳам намуд, ва ин шаҳрро ба
хотири Худам ва ба хотири бандаам Довуд ҳимоят хоҳам кард“»+.
[7] Ва Ишаъё гуфт: «Қурсе аз анҷирқоқ бигиред». Ва гирифта, бар
думбал гузоштанд, ва ӯ зинда монд.
[8] Ва Ҳизқиё ба Ишаъё гуфт: «Чист аломати он ки Худованд маро
шифо хоҳад дод, ва ман баъд аз се рӯз ба хонаи Худованд дохил
хоҳам шуд?»+
[9] Ва Ишаъё гуфт: «Аломат аз ҷониби Худованд дар бораи он ки
Худованд каломеро, ки гуфтааст, ба амал хоҳад овард, барои ту
чунин аст: оё соя даҳ зина пеш равад, ё даҳ зина қафо гардад?»
[10] Ва Ҳизқиё гуфт: «Даҳ зина пеш рафтани соя осон аст; не, бигзор
соя даҳ зина қафо гардад».
[11] Ва Ишаъёи набӣ сӯи Худованд хонд, ва сояи зинаҳоро, ки бар
зинаҳои Оҳоз фуромада буд, даҳ зина қафо гардонид+.

[12] •Дар он замон Берӯдак ибни Балъадон, подшоҳи Бобил, ба
Ҳизқиё нома ва ҳадия фиристод, зеро шунида буд, ки Ҳизқиё бемор
шудааст.

13 Ва Ҳизқиё онҳоро шунид, ва тамоми хазинахонаи худро: нуқра
ва тилло, ва атриёт, ва равғани аъло, ва тамоми қӯрхонаи худ, ва ҳар
чиро, ки дар хазоини ӯ ёфт мешуд, ба онҳо нишон дод; чизе набуд, ки
Ҳизқиё дар хонаи худ ва дар тамоми қаламрави худ ба онҳо нишон
надода бошад+.
14 Ва Ишаъёи набӣ назди подшоҳ Ҳизқиё омад, ва ба ӯ гуфт: «Ин
одамон чӣ гуфтанд? Ва аз куҷо назди ту омадаанд?» Ва Ҳизқиё гуфт:
«Аз кишвари дур, аз Бобил омадаанд».
15 Ӯ гуфт: «Дар хонаи ту чӣ диданд?» Ва Ҳизқиё гуфт: «Ҳар он чи
дар хонаи ман ҳаст, диданд; чизе дар хазоини ман намонд, ки ба
онҳо нишон надода бошам».
16 Ва Ишаъё ба Ҳизқиё гуфт: «Каломи Худовандро бишнав:
17 „Инак, рӯзҳо меоянд, ҳар он чи дар хонаи туст, ва он чи
падаронат то имрӯз андӯхтаанд, ба Бобил бурда хоҳад шуд; чизе боқӣ
наҳохад монд, — мегӯяд Худованд, —+
18 Ва аз писаронат, ки аз ту ба вуҷуд оянд, ва ту онҳоро ба дуньё
оварӣ, хоҳанд гирифт, ва онҳо дар қасри подшоҳи Бобил хоҷасаро
хоҳанд шуд“»+.
19 Ва Ҳизқиё ба Ишаъё гуфт: «Каломи Худованд, ки ту ба забон
рондӣ, барҳақ аст». Ва гуфт: «Бигзор дар рӯзҳои ман осоиштагӣ ва
пояндагӣ бошад».

## Фавти Ҳизқиё.

20 Ва бақияи аъмоли Ҳизқиё, ва тамоми корнамоии ӯ, ва ҳавз ва
корез канданаш, ва обро ба шаҳр оварданаш дар китоби вақоеъномаи
подшоҳони Яҳудо навишта шудааст+.
21 Ва Ҳизқиё бо падарони худ хобид; ва писараш Менашше ба ҷои ӯ
подшоҳ шуд.

## Подшоҳии Менашше. Маъсият ва фавти ӯ.

21 [1] •Дар вақти подшоҳ шуданаш Менашше дувоздаҳсола буд, ва
ӯ панҷоҳу панҷ сол дар Ерусалим подшоҳӣ кард; ва номи
модараш Ҳефсибо буд.
[2] Ва он чи дар назари Худованд бад буд, ба амал овард, ба тақлиди
корҳои зишти халқҳое ки Худованд онҳоро аз пеши банӣ-Исроил
бадар ронда буд.
[3] Ва ӯ баландиҳоеро, ки падараш Ҳизқиё барҳам дода буд, аз нав
бино кард, ва қурбонгоҳҳо барои Баал барпо намуд, ва Ашераро
мисли он ки Аҳъоб, подшоҳи Исроил, сохта буд, сохт; ва ба тамоми
лашкари осмон саҷда бурда, онҳоро ибодат кард+.
[4] Ва қурбонгоҳҳо дар хонаи Худованд бино кард, ки дар бораи он
Худованд гуфтааст: «Дар Ерусалим исми Худро хоҳам гузошт»+.
[5] Ва барои тамоми лашкари осмон дар ду саҳни хонаи Худованд
қурбонгоҳҳо бино кард+.
[6] Ва писари худро аз оташ гузаронид, ва афсун кард ва фол кушод,
ва ҷодугарону азоимхононро ба кор андохт; бо аъмоле ки дар назари
Худованд бад аст, бисьёр машғул шуд, то ки Ӯро ба хашм оварад+.
[7] Ва ҳайкали Ашераро, ки сохта буд, дар хонае гузошт, ки дар
бораи он Худованд ба Довуд ва писараш Сулаймон гуфта буд: «Дар ин
хона ва дар Ерусалим, ки аз ҳамаи сибтҳои Исроил баргузидаам,
исми Худро то абад хоҳам гузошт;
[8] Ва пои Исроилро аз замине ки ба падаронашон додаам, дигар
бадар нахоҳам ронд, ба шарте ки онҳо саъю кӯшиш кунанд, ки бар
тибқи ҳар он чи Ман ба онҳо амр фармудаам, ва бар тибқи тамоми
шариате ки бандаам Мусо ба онҳо амр фармудааст, рафтор
намоянд»+.
[9] Вале онҳо гӯш надоданд, ва Менашше онҳоро то ба дараҷае
гумроҳ кард, ки онҳо назар ба халқҳое ки Худованд аз пеши банӣ-
Исроил маҳв намуда буд, ба аъмоли бад бештар машғул шуданд.
[10] Ва Худованд ба воситаи бандагонаш анбиё сухан ронда, гуфт:
[11] «Азбаски Менашше, подшоҳи Яҳудо, ин аъмоли зиштро ба ҷо
оварда, назар ба тамоми рафтори амӯриёне ки пеш аз ӯ буданд,

бадтар рафтор намуд, ва бо бутҳои худ Яҳудоро низ гирифтори гуноҳ гардонид,+
12 Бинобар ин Худованд Худои Исроил чунин мегӯяд: „Инак, Ман
бар Ерусалим ва Яҳудо чунон мусибате хоҳам овард, ки ҳар касе ки
дар бораи он бишнавад, ҳар ду гӯшаш садо хоҳад дод;+
13 Ва бар Ерусалим ресмони Сомария ва шоқули хонаи Аҳъобро
хоҳам кашид, ва Ерусалимро пок хоҳам кард, чунон ки кас табақчаро
пок мекунад, — пок мекунаду чаппа мегардонад+.
14 Ва бақияи мероси Худро тарк хоҳам кард, ва онҳоро ба дасти
душманонашон хоҳам супурд, ва онҳо барои ҳамаи душманонашон
мавриди толону тороҷ хоҳанд гардид,
15 Аз боиси он ки онҳо он чи дар назари ман бад аст, ба амал
овარданд, ва аз рӯзе ки падаронашон аз Миср берун омаданд, то
имрӯз Маро ба хашм оварданд“».
16 Ва ҳамчунин хуни бегуноҳонро Менашше бағоят бисьёр рехт, ба
тавре ки Ерусалимро сар то сар аз он пур кард, ба замми он гуноҳи
худ, ки Яҳудоро гирифтори гуноҳ гардонида буд, то ки он чи дар
назари Худованд бад аст, ба амал оваранд+.
17 Ва бақияи аъмоли Менашше, ва ҳар чи ӯ кард, ва гуноҳе ки
содир намуд, дар китоби вақоеъномаи подшоҳони Яҳудо навишта
шудааст+.
18 Ва Менашше бо падарони худ хобид ва дар боғи хонаи худ, дар
боғи Уззо дафн карда шуд; ва писараш Омӯн ба ҷои ӯ подшоҳ шуд+.
19 •Дар вақти подшоҳ шуданаш Омӯн бисту дусола буд, ва ӯ ду сол
дар Ерусалим подшоҳӣ кард; ва номи модараш Машуллемет бинти
Ҳорус, аз Ётбо, буд.
20 Ва он чи дар назари Худованд бад буд, ба амал овард, чунон ки
падараш Менашше амал карда буд;
21 Ва бо тамоми роҳе ки падараш рафтор карда буд, рафтор намуд,
ва бутҳоро, ки падараш парастида буд, парастид, ва ба онҳо саҷда
бурд;+
22 Ва Худованд Худои падаронашро тарк кард, ва бо роҳи Худованд
равона нашуд.

## Фавти Омӯн. Бар тахт нишастани Йӯшиёҳу.

[23] Ва навкарони Омӯн бар ӯ суиқасд карданд; ва подшоҳро дар
хонааш куштанд.
[24] Вале кавми мамлакат ҳамаи онҳоеро, ки бар подшоҳ Омӯн
суиқасд карда буданд, ба қатл расониданд; ва қавми мамлакат
писараш Йӯшиёҳуро ба ҷои ӯ подшоҳ карданд.
[25] Ва бақияи аъмоле ки Омӯн кард, дар китоби вақоеъномаи
подшоҳони Яҳудо навишта шудааст.
[26] Ва ӯро дар мақбараи ӯ дар боғи Уззо дафн карданд; ва писараш
Йӯшиёҳу ба ҷои ӯ подшоҳ шуд+.

## Подшоҳии Йӯшиёҳу.

# 22

1 •Дар вақти подшоҳ шуданаш Йӯшиёҳу ҳаштсола буд, ва ӯ
сию як сол дар Ерусалим подшоҳӣ кард; ва номи модараш Едидо
бинти Адоё, аз Босқат, буд+.
2 Ва он чи дар назари Худованд мақбул буд, ба амал овард; ва бо
тамоми роҳи падараш Довуд равона шуд, ва ба тарафи рост ё чап
майл накард+.

## Таъмири маъбад.

3 Ва дар соли ҳаждаҳуми подшоҳ Йӯшиёҳу чунин воқеъ шуд, ки
подшоҳ Шофон ибни Асальёҳу ибни Машулломи котибро ба хонаи
Худованд фиристода, гуфт:
4 «Назди Ҳилқиёи саркоҳин бирав, ва ӯ нуқраеро, ки ба хонаи
Худованд оварда шудааст, ва остонабонон онро аз қавм ҷамъ
кардаанд, бишуморад,+
5 Ва онро ба дасти саркороне ки бар хонаи Худованд таъин карда
шудаанд, бисупорад, то ки онҳо онро ба коргароне ки дар хонаи
Худованд барои таъмири рахнаҳои хона кор мекунанд, бидиҳанд,
6 Яъне ба дуредгарон ва бинокорон ва гилкорон; ва барои
харидани чӯбу тахта ва сангҳои тарошидашуда аз баҳри таъмири
хона».
7 Аммо аз нуқрае ки ба дасташон супурда мешуд, аз онҳо ҳисобот
талаб намекарданд, зеро ки онҳо аз рӯи виҷдон амал мекарданд+.

## Ёфт шудани китоби Таврoти Мусо.

8 •Ва Ҳилқиёи саркоҳин ба Шофони котиб гуфт: «Китоби Тавротро
дар хонаи Худованд ёфтаам». Ва Ҳилқиё он китобро ба Шофон дод, ва
ӯ онро хонд+.
9 Ва Шофони котиб назди подшоҳ омад, ва ба подшоҳ ҷавоб оварда,
гуфт: «Бандагонат нуқраеро, ки дар хона буд, дар шумор оварданд, ва
онро ба дасти саркороне ки бар хонаи Худованд таъин шудаанд,
супурданд».
10 Ва Шофони котиб ба подшоҳ хабар дода, гуфт: «Ҳилқиёи коҳин
китобе ба ман дод». Ва Шофон онро пеши подшоҳ хонд.

11 Ва ҳангоме ки подшоҳ суханони китоби Тавротро шунид,
либоси худро чок зад.
12 Ва подшоҳ ба Ҳилқиёи коҳин ва Аҳиқом ибни Шофон ва Акбӯр
ибни Михоё ва Шофони котиб ва Асоёи навкари подшоҳ амр
фармуда, гуфт:+
13 «Биравед ва аз Худованд барои ман ва барои қавм ва барои
тамоми Яҳудо дар бораи суханони ин китоби ёфтшуда илтиҷо
намоед, зеро ғазаби Худованд, ки бар мо аланга гирифтааст, бузург
аст, аз барои он ки падарони мо ба суханони ин китоб гӯш
надодаанд, то ки мувофиқи ҳар он чи дар бораи мо навишта шудааст,
амал намоянд»+.
14 Ва Ҳилқиёи коҳин ва Аҳиқом ва Акбӯр ва Шофон ва Асоё назди
Ҳулдои набия, зани Шаллум ибни Тиқво ибни Ҳарҳаси муҳофизи
либосҳо, ки ӯ дар Ерусалим, дар маҳаллаи дуюми он сукунат дошт,
рафтанд, ва бо ӯ гуфтугӯ карданд+.

## Суханони Ҳулдои набия.

15 Ва ӯ ба онҳо гуфт: «Худованд Худои Исроил чунин мегӯяд: „Ба
касе ки шуморо назди ман фиристодааст, бигӯед:
16 Худованд чунин мегӯяд: инак, Ман мусибате бар ин макон ва
бар сокинонаш хоҳам овард, — ҳамаи суханони китоберо, ки
подшоҳи Яҳудо хондааст;
17 Азбаски онҳо Маро тарк карда, ба худоёни дигар бухур
сӯзониданд, то ки Маро бо тамоми амали дастҳои худ ба хашм
оваранд, ғазаби Ман бар ин макон аланга гирифтааст ва хомӯш
нахоҳад шуд.“+
18 Вале ба подшоҳи Яҳудо, ки шуморо фиристодааст, то ки аз
Худованд илтиҷо намоед, чунин гӯед: „Худованд Худои Исроил дар
бораи суханоне ки шунидаӣ, чунин мегӯяд:
19 Азбаски дили ту нарм шудааст, ва дар вақти шунидани
суханони Ман дар бораи ин макон ва сокинонаш, яъне дар бораи он
ки онҳо мавриди харобӣ ва лаънат хоҳанд шуд, ту ба хузури
Худованд гардан фуровардаӣ ва либоси худро чок зада, ба ҳузури
Ман гирья кардаӣ, бинобар ин Ман низ туро иҷобат намудам, мегӯяд
Худованд+.

[20] Аз ин рӯ, инак, Ман туро ба падаронат ҳамроҳ хоҳам кард, ва ту
дар мақбараи худ ба саломатӣ гузошта хоҳӣ шуд, ва тамоми он
мусибатро, ки Ман бар ин макон меоварам, чашмони ту нахоҳад
дид“». Ва ҷавобро ба подшоҳ расониданд+.

## Китоби аҳд ба қавм эълон карда шуд.

**23** [1] •Ва подшоҳ фиристод, ва ҳамаи пирони Яҳудо ва
Ерусалимро назди ӯ ҷамъ карданд.
[2] Ва подшоҳ ба хонаи Худованд омад, ва тамоми мардуми Яҳудо ва ҳамаи сокинони Ерусалим бо ӯ буданд, — коҳинон ва анбиё, ва тамоми қавм аз хурд то калон; ва ӯ ҳамаи суханони китоби аҳдро, ки дар хонаи Худованд ёфт шуд, дар гӯши онҳо хонд+.
[3] Ва подшоҳ бар минбар истод, ва ба ҳузури Худованд аҳд баст, ки Худовандро пайравӣ намоянд, ва аҳком ва шаҳодот ва фароизи Ӯро бо тамоми дилу ҷон риоя кунанд, ва суханони ин аҳдро, ки дар ин китоб навишта шудааст, ба ҷо оваранд; ва тамоми қавм ин аҳдро ба зиммаи худ гирифтанд+.

## Ислоҳоти подшоҳ Йӯшиёҳу.

[4] Ва подшоҳ ба Ҳилқиёи саркоҳин ва коҳинони муовин ва остонабонон амр фармуд, ки тамоми ашьёи барои Баал ва Ашера ва тамоми лашкари осмон сохташударо аз қасри Худованд берун оваранд; ва ӯ онҳоро дар беруни Ерусалим, дар киштзори Қидрӯн сӯзонид, ва хокистарашонро ба Байт-Ил бурд+.
[5] Ва коҳинони бутҳоро, ки подшоҳони Яҳудо таъин карда буданд, то ки бар баландиҳои шаҳрҳои Яҳудо ва гирду атрофи Ерусалим бухур сӯзонанд, ва онҳоеро, ки барои Баал ва офтоб ва моҳ ва ситораҳо ва тамоми лашкари осмон бухур месӯзониданд, маъзул намуд+.
[6] Ва Ашераро аз хонаи Худованд бароварда, берун аз Ерусалим ба ҷониби наҳри Қидрӯн бурд, ва онро назди наҳри Қидрӯн сӯзонид ва кӯфта, гард-гард кард; ва гарди онро дар кабристони мардуми оддӣ пошид+.
[7] Ва хонаҳои ливотагаронро, ки назди хонаи Худованд буд, ва дар он ҷо занон чодирҳо барои Ашера мебофтанд, хароб кард+.
[8] Ва ҳамаи коҳинонро аз шаҳрҳои Яҳудо овард, ва баландиҳоро, ки коҳинон дар он ҷо бухур месӯзониданд, — аз Ҷобаъ то Беэр-Шобаъ, — палид гардонид; ва баландиҳои назди дарвозаҳоро, — онро, ки дар даҳани дарвозаи Еҳушаъ, раиси шаҳр буд, ва онро, ки ба тарафи чапи шахси ба дарвозаи шаҳр дохилшаванда буд, — хароб кард.

[9] Аммо коҳинони баландиҳо ба қурбонгоҳи Худованд дар
Ерусалим роҳ дода намешуданд, гарчанде ки дар миёни бародарони
худ фатир мехӯрданд+.
[10] Ва ӯ Тӯфетро, ки дар дараи Бен-Ҳиннӯм буд, палид гардонид, то
ки касе писар ё духтари худро аз оташи Мӯлик нагузаронад+.
[11] Ва аспҳоеро, ки подшоҳони Яҳудо барои парастиши офтоб дода
буданд, аз даромадгоҳи хонаи Худованд дур карда, ба ҳавлии Натан-
Малики хоҷасаро, ки дар атрофи шаҳр буд, гузаронид, ва аробаҳои
офтобро дар оташ сузонид.
[12] Ва қурбонгоҳҳоеро, ки бар боми болохонаи Оҳоз буд, ва
подшоҳони Яҳудо онҳоро сохта буданд, ва қурбонгоҳҳоеро, ки
Менашше дар ду саҳни хонаи Худованд сохта буд, подшоҳ хароб кард,
ва аз он ҷо сарнагун намуда, гарди онҳоро ба наҳри Қидрӯн андохт+.
[13] Ва баландиҳоро, ки дар рӯ ба рӯи Ерусалим, ба тарафи рости
кӯҳи Фасод буд, ва онҳоро Сулаймон, подшоҳи Исроил, барои
Аштора, бути зишти сидӯниён, ва барои Камуш, бути зишти Мӯоб, ва
барои Милкӯм, бути қабеҳи банӣ-Аммӯн бино карда буд, подшоҳ
палид гардонид+.
[14] Ва ҳайкалҳоро шикаст, ва Ашераҳоро бурид, ва ҷои онҳоро аз
устухонҳои одамизод пур кард+.
[15] Ва низ қурбонгоҳе ки дар Байт-Ил буд, ва баландие ки Ёробъом
ибни Набот сохта, Исроилро гирифтори гуноҳ гардонида буд, — ҳам
он қурбонгоҳ ва ҳам он баландиро хароб кард, ва баландиро сӯзонид,
кӯфта гард-гард гардонид, ва Ашераро сӯзонид+.
[16] Ва Йӯшиёҳу рӯй гардонида, қабрҳоеро, ки он ҷо дар кӯҳ буд,
дид, ва фиристода, устухонҳоро аз он қабрҳо гирифт, ва бар
қурбонгоҳ сӯзонида, онро палид гардонид, бар тибқи каломи
Худованд, ки он марди Худо, ки ин воқеаҳоро пешгӯӣ карда буд, онро
ба забон ронд+.
[17] Ва ӯ гуфт: «Чист ин ҳайкали ёдгорӣ, ки ман мебинам?» Ва
мардуми шаҳр ба ӯ гуфтанд: «Ин қабри марди Худост, ки вай аз
Яҳудо омада, ин корҳоеро, ки ту бар қурбонгоҳи Байт-Ил кардаӣ,
эълон намуда буд»+.
[18] Ва ӯ гуфт: «Варо ба ҳоли худ вогузоред, ва касе устухонҳои варо
аз ҷояш наҷунбонад». Ва устухонҳои вай бо устухонҳои набие ки аз
Сомария омада буд, раҳо шуд.

19 Ва низ ҳамаи ибодатхонаҳои баландиҳоеро, ки дар шаҳрҳои
Сомария буд, ва онҳоро подшоҳони Исроил барпо намуда,
Худовандро ба хашм оварда буданд, Йӯшиёҳу барҳам дод, ва бо онҳо
мисли тамоми аъмоле ки дар Байт-Ил карда буд, амал намуд.
20 Ва ҳамаи коҳинони баландиҳоро, ки дар он ҷо буданд, бар
қурбонгоҳҳо кушт, ва устухонҳои одамизодро бар онҳо сӯзонид; ва ба
Ерусалим баргашт+.

## Подшоҳ амр мефармояд,
## ки иди фисҳро ба ҷо оваранд.

21 •Ва подшоҳ ба тамоми қавм амр фармуда, гуфт: «Иди фисҳро
барои Худованд Худои худ ба ҷо оваред, чунон ки дар ин китоби аҳд
навишта шудааст»+.
22 Зеро ки мисли ин иди фисҳ аз айёми доварone ки бар Исроил
доварӣ карда буданд, ва дар тамоми айёми подшоҳони Исроил ва
подшоҳони Яҳудо ба ҷо оварда нашудааст;
23 Фақат дар соли ҳаждаҳуми подшоҳ Йӯшиёҳу ин иди фисҳ барои
Худованд дар Ерусалим ба ҷо оварда шуд.
24 Ва низ ҷодугарон ва азоимхонон ва бутҳо ва ҳамаи чизҳои
зиштро, ки дар замини Яҳудо ва дар Ерусалим пайдо шуда буданд,
Йӯшиёҳу сузонид, то ки суханони Тавротро, ки дар китоб навишта
шуда буд, ва онро Ҳилқиёи коҳин дар хонаи Худованд ёфта буд, ба
амал оварад+.
25 Ва монанди ӯ пеш аз ӯ подшоҳе набуд, ки бо тамоми дилаш ва бо
тамоми ҷонаш ва бо тамоми қувваташ, бар тибқи тамоми Таврoти
Мусо, ба Худованд руҷӯъ карда бошад; ва баъд аз ӯ монанди ӯ ба
майдон наомадааст+.
26 Аммо Худованд аз шиддати ғазаби бузурги Худ, ки ин ғазабаш
бар Яҳудо аланга гирифта буд, ба сабаби ҳамаи бадкирдориҳои
Менашше, ки бо онҳо Ӯро ба хашм оварда буд, даст накашид+.
27 Ва Худованд гуфт: «Яҳудоро низ аз ҳузури Худ дур хоҳам кард,
чунон ки Исроилро дур кардаам; ва ин шаҳрро, ки баргузидаам, яъне
Ерусалимро бо хонае ки дар бораи он гуфтаам: „Исми Ман дар он ҷо
хоҳад буд“, тарк хоҳам намуд»+.

## Фавти Йӯшиёҳу.

28 •Ва бақияи аъмоли Йӯшиёҳу, ва ҳар чи ӯ кард, дар китоби
вақоеъномаи подшоҳони Яҳудо навишта шудааст.
29 Дар айёми ӯ фиръавн Накӯҳ, подшоҳи Миср, сӯи подшоҳи
Ашшур, ба наҳри Фурот баромад. Ва подшоҳ Йӯшиёҳу ба истиқболи
вай рафт, вале вай, вақте ки ӯро дид, ӯро дар Маҷиддӯ кушт+.
30 Ва навкаронаш мурдаи ӯро дар ароба ниҳода, аз Маҷиддӯ ба
Ерусалим оварданд, ва ӯро дар мақбарааш дафн карданд. Ва кавми
мамлақат Еҳӯоҳоз ибни Йӯшиёҳуро гирифтанд, ва ӯро тадҳин
намуда, ба ҷои падараш подшоҳ карданд+.

## Подшоҳии Еҳӯоҳоз.

31 •Дар вақти подшоҳ шуданаш Еҳӯоҳоз бисту сесола буд, ва се моҳ
дар Ерусалим подшоҳӣ кард. Ва номи модараш Ҳамутал бинти
Ирмиёҳу, аз Либно, буд+.
32 Ва ӯ он чи дар назари Худованд бад буд, ба амал овард, мисли
ҳар он чи падаронаш ба амал оварда буданд.
33 Ва ӯро фиръавн Накӯҳ дар Рибло, дар замини Ҳамот, бандӣ сохт,
то ки дар Ерусалим подшоҳӣ накунад; ва бар мамлакат сад киккар
нуқра ва як киккар тилло ҷарима андохт+
34 Ва фиръавн Накӯҳ Эльёқим ибни Йӯшиёҳуро ба ҷои падараш
Йӯшиёҳу подшоҳ карда, номи ӯро ба Еҳӯёқим мубаддал намуд; ва
Еҳӯоҳозро гирифт, ва ӯ ба Миср омада, дар он ҷо мурд+.
35 Ва нуқра ва тиллоро Еҳӯёқим ба фиръавн медод; аммо ба замин
баҳо монд, то ки нуқраро бар тибқи фармони фиръави бидиҳад; аз
қавми мамлакат, аз ҳар кас мувофиқи баҳояш, нуқра ва тиллоро
ҳамчун хироҷ меситонид, то ки ба фиръавн Накӯҳ бидиҳад.
36 •Дар вақти подшоҳ шуданаш Еҳӯёқим бисту панҷсола буд, ва ӯ
ёздаҳ сол дар Ерусалим подшоҳӣ кард. Ва номи модараш Забуддо
бинти Фадоё, аз Румо, буд.
37 Ва он чи дар назари Худованд бад буд, ба амал овард, мисли ҳар
он чи падаронаш ба амал оварда буданд.

## Еҳӯёқим ба Набукаднесар хироҷ медиҳад.

24 [1] Дар айёми ӯ Набукаднесар, подшоҳи Бобил, лашкар кашид,
ва Еҳӯёқим се сол бандаи вай буд, вале баргашта, ба муқобили
вай шӯриш бардошт+.
[2] Ва Худованд фавҷҳои калдониён, ва фавҷҳои арамиён, ва
фавҷҳои мӯобиён, ва фавҷҳои банӣ-Аммӯнро бар ӯ фиристод, ва
онҳоро бар Яҳудо фиристод, то ки онро нобуд кунад, бар ҳасби
каломи Худованд, ки ба воситаи бандагонаш анбиё ба забон ронда
буд+.
[3] Аммо ин бар ҳасби амри Худованд ба сари Яҳудо омад, то ки
онро аз ҳузури худ дур андозад, ба сабаби гуноҳҳои Менашше,
мувофиқи ҳар он чи ӯ ба амал оварда буд;+
[4] Ва низ аз боиси хуни бегуноҳон, ки ӯ рехта, Ерусалимро аз хуни
бегуноҳон пур карда буд; ва Худованд нахост, ки ӯро биомурзад.
[5] Ва бақияи аъмоли Еҳӯёқим, ва ҳар чи ӯ кард, дар китоби
вақоеъномаи подшоҳони Яҳудо навишта шудааст.

## Фавти Еҳӯёқим ва подшоҳии Еҳӯёкин.

[6] Ва Еҳӯёқим бо падарони худ хобид, ва писараш Еҳӯёкин ба ҷои ӯ
подшоҳ шуд.
[7] Ва подшоҳи Миср дигар аз замини худ набаромад, зеро ки
подшоҳи Бобил аз наҳри Миср то наҳри Фурот ҳар чиро, ки ба
подшоҳи Миср тааллуқ дошт, гирифта буд.
[8] •Дар вақти подшоҳ шуданаш Еҳӯёкин ҳаждаҳсола буд, ва се моҳ
дар Ерусалим подшоҳӣ кард, ва номи модараш Наҳушто бинти
Элнотон, аз Ерусалим, буд.
[9] Ва он чи дар назари Худованд бад буд, ба амал овард, мисли ҳар
он чи падараш ба амал оварда буд.
[10] Дар он замон навкарони Набукаднесар, подшоҳи Бобил, ба
Ерусалим наздик омаданд, ва шаҳр муҳосира карда шуд.

## Асорати аввалини Бобил.

[11] Ва Набукаднесар, подшоҳи Бобил, ба шаҳр омад, дар сурате ки
навкаронаш онро муҳосира карда буданд.

[12] Ва Еҳӯёкин, подшоҳи Яҳудо, назди подшоҳи Бобил берун омад:
худаш ва модараш ва навкаронаш ва миронаш ва хоҷасароёнаш; ва
подшоҳи Бобил, дар соли ҳаштуми подшоҳии худ, ӯро гирифт+.
[13] Ва тамоми хазоини хонаи Худованд ва хазоини хонаи подшоҳро
аз он ҷо берун овард; ва тамоми колои тиллоеро, ки Сулаймон,
подшоҳи Исроил, барои қасри Худованд сохта буд, пора-пора кард,
чунон ки Худованд гуфта буд+.
[14] Ва тамоми аҳли Ерусалим, ва ҳамаи мирон, ва ҳамаи мардони
ҷангиро ба асирӣ гирифта бурд, — асиршудагон даҳ ҳазор нафар
буданд, — ва ҳамаи ҳунармандон ва оҳангаронро низ; ғайр аз
камбағалони қавми мамлакат касе боқӣ намонд.
[15] Ва Еҳӯёкинро асир карда, ба Бобил бурд; ва модари подшоҳ, ва
занони подшоҳ, ва хоҷасароёнаш, ва ҳамаи бузургони мамлакатро ба
асирӣ гирифта, аз Ерусалим ба Бобил бурд+.
[16] Ва ҳамаи мардони ҷангиро ба миқдори ҳафт ҳазор нафар, ва
ҳунармандон ва оҳангаронро ба миқдори ҳазор нафар, ки ҳамаашон
баҳодурони ҷангозмуда буданд, подшоҳи Бобил асир карда, ба Бобил
овард.

## Подшоҳии Сидқиёҳу.

[17] Ва подшоҳи Бобил амаки ӯ Маттаньёро ба ҷои ӯ подшоҳ кард, ва
номи варо ба Сидқиёҳу мубаддал намуд+.

[18] •Дар вақти подшоҳ шуданаш Сидқиёҳу бисту яксола буд, ва ӯ
ёздаҳ сол дар Ерусалим подшоҳӣ кард; ва номи модараш Ҳамутал
бинти Ирмиёҳу, аз Либно, буд+.
[19] Ва он чи дар назари Худованд бад буд, ба амал овард, мисли ҳар
он чи Еҳӯёқим ба амал оварда буд.
[20] Зеро он чи дар Ерусалим ва Яҳудо воқеъ шуд, ба сабаби ғазаби
Худованд буд, то ба дараҷае ки Ӯ онҳоро аз ҳузури Худ дур андохт. Ва
Сидқиёҳу ба муқобили подшоҳи Бобил шӯриш бардошт+.

## Муҳосираи Ерусалим ва бори дуюм ба асирӣ бурдан ба Бобил.

25 [1] Ва чунин воқеъ шуд, ки Набукаднесар, подшоҳи Бобил, дар
соли нӯҳуми подшоҳии худ, дар рӯзи даҳуми моҳи даҳум, бо
тамоми лашкари худ ба Ерусалим наздик омада, дар рӯ ба рӯи он
ӯрду зад, ва садди дидбонӣ гирдогирди он бино карданд+.
[2] Ва шаҳр то соли ёздаҳуми подшоҳ Сидқиёҳу дар ҳолати
муҳосира буд.
[3] Дар рӯзи нӯҳуми моҳ қаҳтӣ дар шаҳр пурзӯр шуд, ва барои
қавми мамлакат нон набуд.
[4] Ва шаҳр рахна карда шуд, ва ҳамаи мардони ҷангӣ шабона аз
роҳи дарвозае ки дар миёни ду ҳисор назди боғи подшоҳ буд,
гурехтанд; ва калдониён гирдогирди шаҳр буданд; ва подшоҳ бо роҳи
даштрӯя равона шуд.
[5] Ва қӯшуни калдониён подшоҳро таъқиб намуда, дар даштрӯяи
Ериҳӯ ба ӯ расида гирифтанд, ва тамоми лашкараш аз пеши ӯ
пароканда шуда рафтанд.
[6] Ва подшоҳро дастгир карданд, ва ӯро назди подшоҳи Бобил ба
Рибло оварданд, ва бар ӯ доварӣ карданд+.
[7] Ва писарони Сидкиёҳуро дар пеши назари ӯ куштанд; ва
чашмони Сидқиёҳуро кӯр карданд, ва ӯро занҷирбанд карда, ба
Бобил бурданд+.
[8] Ва дар рӯзи ҳафтуми моҳи панҷум, дар соли нуздаҳуми
Набукаднесар, подшоҳи Бобил, Набузаръадон, сардори ҷаллодон,
навкари подшоҳи Бобил, ба Ерусалим омад+.
[9] Ва ӯ хонаи Худованд ва хонаи подшоҳро сӯзонид; ва ҳамаи
хонаҳои Ерусалим, ва ҳар хонаи бузургро бо оташ сӯзонид+.
[10] Ва тамоми қӯшуни калдониён, ки бо сардори ҷаллодон буданд,
ҳисори гирдогирди Ерусалимро хароб карданд+.
[11] Ва бақияи қавмро, ки дар шаҳр монда буданд, ва
таслимшудагонро, ки ба подшоҳи Бобил таслим шуда буданд, ва
бақияи оммаро Набузаръадон, сардори ҷаллодон, ба асирӣ бурд.
[12] Вале аз миёни камбағалони мамлакат баъзеро сардори
ҷаллодон ҳамчун токдорон ва зироаткорон боқӣ гузошт.
[13] Ва сутунҳои мисинро, ки дар хонаи Худованд буд, ва пояҳо, ва
ҳавзи мисинро, ки дар хонаи Худованд буд, калдониён шикастанд, ва

миси онҳоро ба Бобил burdand+.
14 Ва дегҳо, ва хокандозҳо, ва оташгиракҳо, ва қошуқҳо, ва тамоми
колои мисинро, ки бо онҳо хизмат мекарданд, онҳо гирифтанд+.
15 Ва маҷмарҳо ва косаҳоро, — хоҳ аз тилло буд, хоҳ аз нуқра, —
сардори ҷаллодон гирифт.
16 Ду сутун, як ҳавз, ва пояҳое ки Сулаймон барои хонаи Худованд
сохта буд, — вазни миси тамоми ин коло маълум набуд+.
17 Баландии як сутун ҳаждаҳ зироъ буд; ва тоҷи мисин бар он, ва
баландии тоҷ се зироъ буд; ва шабака ва анорҳо гирдогирди тоҷ, —
ҳамааш аз мис буд; ва мисли инҳо барои сутуни дуюм бар шабакаи
он буд+.
18 Ва сардори ҷаллодон Сароёи саркоҳин, ва Сафаньёи коҳини
муовин, ва се нафар остонабононро гирифт+.
19 Ва аз шаҳр як хоҷасароро, ки бар мардони ҷангӣ таъин шуда
буд, ва панҷ шахсро аз онҳое ки чеҳраи подшоҳро медиданд ва дар
шаҳр ёфт шуданд, ва котиби сарлашкарро, ки қавми мамлакатро
сафарбарӣ менамуд, ва шаст нафарро аз қавми мамлакат, ки дар
шаҳр ёфт шуданд, гирифт.
20 Ва Набузаръадон, сардори ҷаллодон, онҳоро гирифта, назди
подшоҳи Бобил ба Рибло бурд.
21 Ва подшоҳи Бобил онҳоро дар Рибло, дар замини Ҳамот зарба
зада, кушт. Ва аҳли Яҳудо аз замини худ ба асирӣ рафтанд.

## Ҷадальёҳу волии кишвар таъин карда мешавад.

22 •Ва бар қавме ки дар замини Яҳудо боқӣ монда буданд, — бар
онҳое ки Набукаднесар, подшоҳи Бобил, боқӣ гузошта буд, — вай
Ҷадальёҳу ибни Аҳиқом ибни Шофонро таъин намуд+.
23 Ва чун ҳамаи сардорони лашкар, — худашон ва одамонашон, —
шуниданд, ки подшоҳи Бобил Ҷадальёҳуро таъин намудааст, онҳо
назди Ҷадальёҳу ба Мисфо омаданд, яъне Исмоил ибни Натаньё, ва
Йӯҳонон ибни Қореяҳ, ва Сароё ибни Танҳумати натуфотӣ, ва
Еазнаёҳу ибни Маъкотӣ, — худашон ва одамонашон+.
24 Ва Ҷадальёҳу ба онҳо ва одамонашон қасам хӯрда, гуфт: «Аз
навкарони калдониён натарсед, дар замин сокин шуда, ба подшоҳи
Бобил хизмат кунед, ва барои шумо хуб хоҳад шуд».

25 Ва дар моҳи ҳафтум чунин воқеъ шуд, ки Исмоил ибни Натаньё
ибни Элишомаъ, ки аз насли подшоҳ буд, омад, ва даҳ нафар
ҳамроҳонаш буданд, ва онҳо Ҷадальёҳуро зарба заданд, ва ӯ мурд; ва
ҳамчунин яҳудиён ва калдониёнро, ки бо ӯ дар Мисфо буданд+.
26 Ва тамоми қавм, аз хурд то калон, ва сардорони лашкар
бархоста, ба Миср омаданд, зеро ки аз калдониён тарсиданд+.

27 •Ва дар соли сию ҳафтуми асирии Еҳӯёкин, подшоҳи Яҳудо, дар
рӯзи бисту ҳафтуми моҳи дувоздаҳум, чунин воқеъ шуд, ки Эвил-
Мерӯдак, подшоҳи Бобил, дар соле ки подшоҳ шуд, Еҳӯёкин, подшоҳи
Яҳудоро сарафроз намуда, аз зиндон берун овард;+
28 Ва бо ӯ некхоҳона сухан ронд, ва тахти ӯро аз тахти подшоҳоне
ки назди ӯ дар Бобил буданд, болотар гузошт.
29 Ва либоси зиндонии ӯро мубаддал намуд, ва ӯ ҳамеша, тамоми
айёми ҳаёти худ, ба ҳузури вай хӯрок мехӯрд.
30 Ва нафақаи ӯ, нафақаи доимӣ, ба ӯ аз ҷониби подшоҳ рӯз ба рӯз,
тамоми айёми ҳаёти ӯ дода мешуд.

---

* 6:25 **Қаб** — воҳиди андозаи ҷисмҳои обакӣ дар замони қадим, ки гунҷоиши 2,2 литрро дошт.

---

+ 1:1 3 Подш. 22:37, 2 Подш. 8:2, 4 Подш. 3:5

+ 1:2 Аъм. 20:9, Еҳ. 13:3, Мат. 10:25, Мат. 12:24, Марқ. 3:22, Луқ. 11:15, 4 Подш. 8:8

+ 1:3 3 Подш. 17:1, 3 Подш. 21:17

+ 1:8 Зак. 13:4, Мат. 3:4, Марқ. 1:6

+ 1:10 Айюб 1:16, Луқ. 9:54

+ 2:1 Ҳас. 5:24, 3 Подш. 19:19-21, Еҳ. 5:9

+ 2:4 3 Подш. 16:34

+ 2:8 Хур. 14:21, Хур. 14:29, Ех. 3:16

+ 2:9 Ад. 11:17, Ад. 11:25, Так. Шар. 21:17

+ 2:12 4 Подш. 6:17, 4 Подш. 13:14

+ 2:16 3 Подш. 18:12, Ҳиз. 3:12, Ҳиз. 8:3, Аъм. 8:39

+ 2:23 Айюб 19:18

+ 2:25 Ех. 19:26, 3 Подш. 18:20

+ 3:2 3 Подш. 16:31, 4 Подш. 10:26

+ 3:3 3 Подш. 12:28-32

+ 3:5 4 Подш. 1:1

+ 3:7 3 Подш. 22:4

+ 3:9 3 Подш. 22:47

+ 3:10 Ех. 7:7

+ 3:11 3 Подш. 22:7

+ 3:13 3 Подш. 18:19, 3 Подш. 22:6

+ 3:15 1 Подш. 10:5, 1 Подш. 16:17, 3 Подш. 18:46

+ 3:19 Так. Шар. 20:19

+ 3:20 Хур. 29:39-40

+ 3:25 Иш. 16:7

+ 3:27 Мик. 6:7

+ 4:1 Иб. 25:39-41, Нах̦. 5:5, Мат. 18:25

+ 4:8 Ех̦. 19:18

+ 4:12 4 Подш. 5:20-27, 4 Подш. 8:4-5

+ 4:16 Х̦ас. 18:14

+ 4:23 Ад. 28:11

+ 4:27 Мат. 28:9, Х̦ас. 18:17, Ом. 3:7

+ 4:29 3 Подш. 18:46, Хур. 7:19, Хур. 14:26, Лук̦. 10:4

+ 4:31 3 Подш. 18:29, Юх̦. 11:11

+ 4:33 Яък̦. 5:16

+ 4:34 3 Подш. 17:21, Аъм. 20:10

+ 4:37 Ибр. 11:35

+ 4:38 Ех̦. 5:9, 4 Подш. 2:1

+ 4:42 1 Подш. 9:4, Мат. 14:16-21, Мат. 15:32-38, Марқ. 6:37-44, Марқ. 8:4-9, Луқ. 9:13-17, Юҳ. 6:5-13

+ 5:1 Луқ. 4:27, Иб. 13:3

+ 5:7 Так. Шар. 32:39, 3 Подш. 20:7

+ 5:10 Иб. 14:7

+ 5:15 Дон. 2:47

+ 5:16 Дон. 5:17

+ 5:20 4 Подш. 4:12, 4 Подш. 8:4-5

+ 5:27 Хур. 4:6, Ад. 12:10

+ 6:13 Ҳас. 37:17

+ 6:16 2 Вак. 32:7

+ 6:17 Заб. 67:18, Зак. 1:8, Зак. 6:1

+ 6:18 Ҳас. 19:11

+ 6:22 2 Вак. 28:15, Мас. 25:21, Рум. 12:20

+ 6:24 3 Подш. 15:18, 3 Подш. 20:1, 4 Подш. 8:27

+ 6:26 2 Подш. 14:4

+ 6:29 Иб. 26:29, Так. Шар. 28:57, Нав. 4:10

+ 7:2 Мал. 3:10, 4 Подш. 7:17

+ 7:6 2 Подш. 5:24, 4 Подш. 6:17

+ 7:7 Заб. 47:6

+ 7:17 4 Подш. 7:2

+ 8:1 4 Подш. 4:35-37, Ҳас. 41:27

+ 8:4 4 Подш. 4:12, 4 Подш. 5:20-27

+ 8:7 4 Подш. 6:24

+ 8:8 3 Подш. 19:15, 3 Подш. 19:17, 1 Подш. 9:7, 4 Подш. 1:2

+ 8:12 4 Подш. 10:32, 4 Подш. 12:17, 4 Подш. 13:22, Ом. 1:3-4, Заб. 136:9, Иш. 13:16, Ҳуш. 14:1, Наҳум 3:10, Ҳуш. 14:1, Ом. 1:13

+ 8:13 3 Подш. 19:15, 3 Подш. 19:17

● 8:16 *2 Вак. 21:4-20*

+ 8:18 3 Подш. 12:28-30, 3 Подш. 16:31-33

+ 8:19 2 Подш. 21:17, 3 Подш. 11:36

+ 8:20 Ҳас. 27:40, 3 Подш. 22:47

● 8:25 *2 Вак. 22:1-6*

\+ 8:26 4 Подш. 11:1

\+ 8:28 4 Подш. 8:15, 3 Подш. 22:3

\+ 9:1 4 Подш. 8:28

\+ 9:2 3 Подш. 19:16

\+ 9:3 1 Подш. 10:1

\+ 9:7 3 Подш. 18:4

\+ 9:8 Так. Шар. 32:36

\+ 9:9 3 Подш. 14:10, 3 Подш. 15:29, 3 Подш. 16:11, 3 Подш. 21:21-22

\+ 9:10 3 Подш. 21:23, 4 Подш. 9:36

\+ 9:11 Ирм. 29:26, Ҳуш. 9:7

\+ 9:13 Мат. 21:8, Марқ. 11:8, 2 Подш. 15:10, 3 Подш. 1:34

\+ 9:14 4 Подш. 8:28-29

\+ 9:21 2 Вак. 22:7, 3 Подш. 21:1

\+ 9:26 3 Подш. 21:19

\+ 9:27 2 Вак. 22:9

+ 9:28 4 Подш. 23:30

+ 9:31 3 Подш. 16:9-13

+ 9:34 3 Подш. 16:31

+ 9:36 3 Подш. 21:23, 4 Подш. 9:10

+ 10:1 3 Подш. 16:24

+ 10:7 3 Подш. 21:21, 4 Подш. 9:8

+ 10:10 3 Подш. 21:19, 3 Подш. 21:21, 3 Подш. 21:29

+ 10:14 2 Вак. 22:8

+ 10:15 1 Вак. 2:55, Ирм. 35:8

+ 10:17 3 Подш. 21:19, 3 Подш. 21:21, 3 Подш. 21:29

+ 10:18 3 Подш. 16:31-32

+ 10:19 3 Подш. 18:19, 3 Подш. 22:6

+ 10:21 3 Подш. 16:32

+ 10:24 3 Подш. 20:39

+ 10:25 3 Подш. 18:40

+ 10:26 4 Подш. 3:2

+ 10:27 4 Подш. 23:14

+ 10:29 3 Подш. 12:28

+ 10:30 4 Подш. 15:12

+ 10:32 4 Подш. 8:12

+ 10:33 Так. Шар. 2:36

● 11:1 *2 Вак. 22:10*

+ 11:1 4 Подш. 8:26, 4 Подш. 9:27, Дов. 9:5

+ 11:5 1 Вақ. 9:25

+ 11:10 2 Подш. 8:7, 1 Вақ. 18:7

+ 11:12 Так. Шар. 17:18-19, 1 Подш. 10:24

+ 11:14 4 Подш. 23:3, 2 Вак. 6:13, 2 Вак. 34:31

+ 11:16 Нах. 3:28, Ирм. 31:40

+ 11:18 4 Подш. 10:27

● 12:1 *2 Вак. 24*

+ 12:3 3 Подш. 15:14, 3 Подш. 22:43

+ 12:9 Марк. 12:41, Лук. 21:1

+ 12:15 4 Подш. 22:7

+ 12:16 Иб. 4:24, Иб. 5:15, Иб. 7:7, Ад. 18:19

+ 12:17 4 Подш. 8:12

+ 12:18 3 Подш. 15:18

+ 12:20 2 Вак. 24:23-26

+ 13:1 4 Подш. 11:2

+ 13:2 3 Подш. 12:28, 3 Подш. 14:16

+ 13:3 Дов. 2:14, 4 Подш. 8:12

+ 13:4 Хур. 3:7, Хур. 3:9

+ 13:5 Дов. 3:9

+ 13:6 3 Подш. 16:33

+ 13:11 3 Подш. 12:28, 3 Подш. 14:16

+ 13:12 4 Подш. 14:8-15

+ 13:14 4 Подш. 2:12, 4 Подш. 6:17

+ 13:17 3 Подш. 20:26

+ 13:22 4 Подш. 8:12

+ 13:25 4 Подш. 13:19

● 14:1 *2 Вак. 25:1-4, 2 Вак. 25:17-24*

+ 14:1 4 Подш. 12:21

+ 14:4 4 Подш. 12:3

+ 14:5 4 Подш. 12:20

+ 14:6 Так. Шар. 24:16

+ 14:7 2 Подш. 8:13, Иш. 16:1, Ех. 15:38

+ 14:9 Дов. 9:8-15

+ 14:11 Ех. 15:10

+ 14:13 Нах. 8:16, Ирм. 31:38, Зак. 14:10

+ 14:14 3 Подш. 7:51, 4 Подш. 12:18

+ 14:15 4 Подш. 13:12

● 14:17 *2 Вак. 25:25-28*

+ 14:19 Ех. 10:3

+ 14:22 Так. Шар. 2:8, 3 Подш. 9:26

+ 14:24 3 Подш. 12:28, 3 Подш. 14:16

+ 14:25 Ад. 34:8, 3 Подш. 8:65, Ех. 9:13, Юн. 1:1

+ 14:26 Так. Шар. 32:36, 4 Подш. 9:8, Хур. 3:7, 4 Подш. 13:23

+ 14:28 2 Вак. 8:3

● 15:1 *2 Вак. 26:1-4, 2 Вак. 26:21-23*

+ 15:1 4 Подш. 14:21

+ 15:3 2 Вак. 25:2

+ 15:4 3 Подш. 15:14, 3 Подш. 22:43

+ 15:5 Иб. 13:3, Иб. 13:46

+ 15:9 3 Подш. 12:28, 3 Подш. 14:16

+ 15:12 4 Подш. 10:30

+ 15:14 3 Подш. 14:17

+ 15:18 3 Подш. 12:28, 3 Подш. 14:16

+ 15:19 1 Вақ. 5:26, Ҳуш. 5:13

+ 15:24 3 Подш. 12:28, 3 Подш. 14:16

+ 15:28 3 Подш. 12:28, 3 Подш. 14:16

● 15:32 *2 Вак. 27*

+ 15:32 4 Подш. 15:7

+ 15:34 2 Вак. 26:4

+ 15:35 3 Подш. 15:14, 3 Подш. 22:43, 2 Вак. 23:20

+ 15:37 4 Подш. 16:5, Иш. 7:1

● 16:1 *2 Вак. 28*

+ 16:3 3 Подш. 12:28-30, Иб. 18:21, Так. Шар. 18:10

+ 16:4 Так. Шар. 12:2

+ 16:5 4 Подш. 15:37, Иш. 7:1

+ 16:6 Так. Шар. 2:8, 4 Подш. 14:22

+ 16:7 4 Подш. 15:19, 4 Подш. 15:29

+ 16:8 4 Подш. 12:18

+ 16:9 Иш. 22:6, Ом. 1:5, Ом. 9:7

+ 16:10 Иш. 8:2

+ 16:14 Хур. 27:1, 2 Вак. 4:1

+ 16:15 Хур. 29:39-41

+ 16:17 3 Подш. 7:27-39, 3 Подш. 7:23-26

+ 16:18 Ирм. 2:18, Ҳиз. 16:28, Ҳиз. 23:12

+ 17:1 4 Подш. 15:30

+ 17:3 Так. Шар. 28:36

+ 17:5 Так. Шар. 28:52, 4 Подш. 18:9-12, Ом. 3:11

+ 17:6 1 Вақ. 5:26

+ 17:7 Иб. 25:38, Хур. 20:2

+ 17:8 Иб. 18:3, Так. Шар. 18:9

+ 17:9 4 Подш. 18:8

+ 17:10 Хур. 23:24

+ 17:12 Хур. 20:4-5

+ 17:13 Наҳ. 9:30, Ирм. 18:11, Ирм. 36:3

+ 17:14 Так. Шар. 9:6, 2 Вақ. 30:8

+ 17:15 Так. Шар. 29:25, Ирм. 2:5, Рум. 1:21, Так. Шар. 12:30

+ 17:16 3 Подш. 12:28, 3 Подш. 14:15, 3 Подш. 16:33, Так. Шар. 4:19, 4 Подш. 21:3, 4 Подш. 23:5

+ 17:17 Иб. 18:21, Так. Шар. 18:10

+ 17:19 Ирм. 3:8

+ 17:20 4 Подш. 13:3, 4 Подш. 15:29

+ 17:21 3 Подш. 11:11, 3 Подш. 11:31, 3 Подш. 12:20, 3 Подш. 12:28-30

+ 17:24 Эзр. 4:2, Эзр. 4:10

+ 17:28 3 Подш. 12:29

+ 17:31 Так. Шар. 12:31

+ 17:32 3 Подш. 12:29

+ 17:33 Саф. 1:5

+ 17:34 Ҳас. 32:28, Ҳас. 35:10

+ 17:35 Так. Шар. 5:9, Дов. 6:10

+ 17:36 Так. Шар. 6:13

+ 17:37 Хур. 20:5

+ 17:41 3 Подш. 18:21

● 18:1 *2 Вак. 29:1-2*

+ 18:4 Так. Шар. 16:21-22, 2 Вак. 31:1, Ад. 21:8-9

+ 18:5 4 Подш. 23:25

+ 18:8 4 Подш. 17:9

+ 18:9 4 Подш. 17:3-7, Ом. 3:11

+ 18:11 1 Вақ. 5:26

+ 18:12 Ҳуш. 14:1

● 18:13 *2 Вак. 32:1-19, Иш. 36*

+ 18:14 Ех. 15:39

+ 18:15 3 Подш. 15:18, 4 Подш. 12:18

+ 18:17 Ех. 15:39, Иш. 7:3

+ 18:18 Иш. 22:20, Иш. 22:15, Иш. 37:2

+ 18:21 Ҳиз. 29:6, Иш. 30:2

+ 18:22 4 Подш. 18:4, 2 Вак. 31:1

+ 18:26 Эзр. 4:7, Дон. 2:4

+ 18:31 3 Подш. 4:25

+ 18:32 Так. Шар. 8:7-10

+ 18:34 4 Подш. 17:24, Иш. 10:9

+ 18:35 Дон. 3:15, 4 Подш. 19:12, Иш. 10:11

● 19:1 *2 Вак. 32:20-22, Иш. 37*

+ 19:2 Иш. 22:15, Иш. 22:20, Иш. 36:3

+ 19:3 Ҳуш. 13:13

+ 19:4 2 Подш. 16:12

+ 19:6 Иш. 10:24

+ 19:8 Еҳ. 10:29-30

+ 19:12 Ҳас. 11:31

+ 19:13 4 Подш. 18:33-34

+ 19:15 Так. Шар. 6:4, 3 Подш. 18:39, Наҳ. 9:6, Заб. 85:10, Иш. 44:6

+ 19:16 Заб. 30:3, Заб. 70:2, 2 Вак. 6:40, Дон. 9:18

+ 19:18 Ирм. 16:20, 2 Вак. 32:19

+ 19:19 Заб. 82:19

+ 19:23 Заб. 19:8

+ 19:25 Иш. 45:7

+ 19:26 Заб. 128:6

+ 19:27 Заб. 138:1-2

+ 19:28 Ҳиз. 29:4, Ҳиз. 38:4, Ом. 4:2, Ҳаб. 1:15

+ 19:29 Иш. 7:11

+ 19:30 Иш. 27:6

+ 19:31 Иш. 9:7

+ 19:32 2 Подш. 20:15

+ 19:35 2 Подш. 24:16, 1 Вақ. 21:15, Наҳум 3:3

+ 19:36 Ҳас. 10:11, Юн. 1:2

+ 19:37 Ҳас. 8:4, Ирм. 51:27, Эзр. 4:2

● 20:1 *2 Вақ. 32:24-26, Иш. 38:1-8*

+ 20:3 4 Подш. 18:3

+ 20:5 Заб. 38:13, Заб. 55:9

+ 20:6 4 Подш. 19:34

+ 20:8 Дов. 6:17

+ 20:11 Еҳ. 10:13

● 20:12 *2 Вак. 32:31, Иш. 39*

+ 20:13 2 Вак. 32:27

+ 20:17 4 Подш. 24:13, 2 Вак. 36:10, Ирм. 20:5, Ирм. 27:19-21, Мик. 4:10

+ 20:18 4 Подш. 24:12, 4 Подш. 25:7, 2 Вак. 33:11

+ 20:20 Наҳ. 2:14, 2 Вак. 32:27-33

● 21:1 *2 Вак. 33:1-9*

+ 21:3 4 Подш. 18:4, 3 Подш. 16:32-33, Так. Шар. 16:21, Так. Шар. 4:19, 4 Подш. 17:16, 4 Подш. 23:5, Ирм. 8:2

+ 21:4 Так. Шар. 12:11, 3 Подш. 18:29, Ирм. 7:30, Ирм. 32:34

+ 21:5 3 Подш. 6:36, 3 Подш. 7:12

+ 21:6 Иб. 18:21, Так. Шар. 18:10, Иб. 19:26, Иб. 19:31

+ 21:8 3 Подш. 9:3, 2 Вак. 7:12

+ 21:11 Ирм. 15:4, Ҳас. 15:16, 3 Подш. 21:26

+ 21:12 1 Подш. 3:11, Ирм. 19:3

+ 21:13 3 Подш. 21:21, 4 Подш. 17:6

+ 21:16 4 Подш. 24:4

+ 21:17 2 Вак. 33:18

+ 21:18 4 Подш. 21:26, Юҳ. 19:41, 2 Вак. 33:20

● 21:19 *2 Вак. 33:21-25*

+ 21:21 4 Подш. 21:2-7

+ 21:26 4 Подш. 21:18

● 22:1 *2 Вак. 34:1-13*

+ 22:1 Еҳ. 15:39

+ 22:2 Так. Шар. 5:32

+ 22:4 4 Подш. 12:9-15

+ 22:7 4 Подш. 12:15

● 22:8 *2 Вак. 34:14-28*

+ 22:8 Хур. 24:7, Так. Шар. 31:24-26

+ 22:12 Ирм. 26:24, Ирм. 39:14, Ирм. 40:5

+ 22:13 Так. Шар. 29:27

+ 22:14 Луқ. 2:36, Аъм. 21:9, 1 Қӯр. 11:5, Саф. 1:10

+ 22:17 Так. Шар. 31:29

+ 22:19 Иб. 26:31, Ирм. 44:22, Иш. 57:15

+ 22:20 4 Подш. 23:24, Иш. 57:1-2

● 23:1 *2 Вак. 34:29-32*

+ 23:2 Так. Шар. 31:11

+ 23:3 4 Подш. 11:14, 2 Вак. 15:12, 2 Вак. 29:10, 2 Вак. 34:31

+ 23:4 4 Подш. 21:3, 3 Подш. 15:13

+ 23:5 4 Подш. 17:16, 4 Подш. 21:3

+ 23:6 Так. Шар. 16:21

+ 23:7 Так. Шар. 23:17, 3 Подш. 14:24

+ 23:9 Ҳиз. 44:10-14

+ 23:10 Еҳ. 15:8, Ирм. 7:31-32, Ирм. 19:6, Иб. 18:21, Так. Шар. 18:10

+ 23:12 4 Подш. 21:4-5

+ 23:13 Ад. 21:29, 3 Подш. 11:5-7

+ 23:14 Хур. 23:24, 4 Подш. 10:27

+ 23:15 3 Подш. 12:28

+ 23:16 Иб. 26:30, 3 Подш. 13:2

+ 23:17 3 Подш. 13:30-31

+ 23:20 Хур. 22:20, Иб. 26:30, 3 Подш. 13:2

● 23:21 *2 Вак. 35:1-19*

+ 23:21 Хур. 12:3-11, Так. Шар. 16:2-8

+ 23:24 Иб. 19:31, Иб. 20:27, Так. Шар. 18:10-12

+ 23:25 4 Подш. 18:5

+ 23:26 4 Подш. 21:11, Ирм. 15:4

+ 23:27 4 Подш. 21:4

● 23:28 *2 Вак. 35:20-27*

+ 23:29 Ирм. 46:2, Еҳ. 17:11

+ 23:30 4 Подш. 9:28, 1 Подш. 10:1

● 23:31 *2 Вак. 36:1-4*

+ 23:31 4 Подш. 24:18

+ 23:33 Ад. 34:11, Ирм. 39:5

+ 23:34 4 Подш. 24:17, Дон. 1:7, Ирм. 22:12

● 23:36 *2 Вак. 36:5-8*

+ 24:1 Ирм. 25:1, Дон. 1:1

+ 24:2 4 Подш. 20:17, 4 Подш. 21:12-14, 4 Подш. 23:27

+ 24:3 4 Подш. 21:2-7, 4 Подш. 21:16, 4 Подш. 21:23-26

● 24:8 *2 Вак. 36:9-10*

+ 24:12 4 Подш. 20:18, Ирм. 24:1-2, Ҳиз. 17:12-13

+ 24:13 4 Подш. 20:17, Ирм. 20:5, Дон. 1:2

+ 24:15 Так. Шар. 28:36, Ирм. 24:1, Ҳиз. 17:12

+ 24:17 4 Подш. 23:34, Ирм. 37:1, Дон. 1:7

● 24:18 *2 Вак. 36:11-21, Ирм. 39:1-10, Ирм. 52:1-27*

+ 24:18 4 Подш. 23:31

+ 24:20 Ҳиз. 17:15

+ 25:1 Так. Шар. 28:52

+ 25:6 Ад. 34:11, 4 Подш. 23:33, Ирм. 21:7, Ҳиз. 23:24

+ 25:7 Саф. 1:8, Так. Шар. 28:36, 4 Подш. 20:18

+ 25:8 Ирм. 32:1, Ирм. 39:9, Ирм. 40:1

+ 25:9 Иб. 26:31, Ҳиз. 16:41

+ 25:10 Наҳ. 1:3

+ 25:13 3 Подш. 7:15-37, 2 Вак. 4:1-15, Ирм. 27:19

+ 25:14 3 Подш. 7:45, 3 Подш. 7:50

+ 25:16 3 Подш. 7:47

+ 25:17 3 Подш. 7:15-22

+ 25:18 1 Вақ. 6:14, Эзр. 7:1, Ирм. 21:1, Ирм. 29:25, Ирм. 37:3

● 25:22 *Ирм. 40:7-9, Ирм. 41:1-3*

+ 25:22 4 Подш. 22:12, Ирм. 26:24, Ирм. 39:14, Ирм. 40:5, Ирм. 40:7

+ 25:23 Еҳ. 18:26

+ 25:25 Ирм. 36:13

+ 25:26 Ирм. 43:4-7

● 25:27 *Ирм. 52:31-34*

+ 25:27 4 Подш. 24:12, 4 Подш. 24:15, Ирм. 27:7

*КИТОБИ*

## ЯКУМИ ВАҚОЕЪНОМА


| | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 | 7 | 8 | 9 | 10 |
| 11 | 12 | 13 | 14 | 15 | 16 | 17 | 18 | 19 | 20 |
| 21 | 22 | 23 | 24 | 25 | 26 | 27 | 28 | 29 | |

## Насабнома. Насли Эсов.

# 1

1 Одам, Шет, Анӯш;
2 Қенон, Маҳалалъил, Ёрад;
3 Ҳанӯх, Матушолаҳ, Ломак;
4 Нӯҳ, Сом, Ҳом ва Ёфат.
5 Писарони Ёфат: Ҷӯмар ва Моҷӯҷ ва Модай ва Ёвон ва Тубол ва
Машак ва Тирос.
6 Ва писарони Ҷӯмар: Ашканаз ва Рифат ва Тӯҷармо.
7 Ва писарони Ёвон: Алишо ва Таршиш, Киттим ва Рӯдоним.
8 Писарони Ҳом: Куш ва Миср ва Фут ва Канъон.
9 Ва писарони Куш: Сабо ва Ҳавило ва Сабто ва Раъмо ва Сабтако;
ва писарони Раъмо: Шабо ва Дадон.
10 Ва Куш Нимрӯдро ба дуньё овард; ӯ ба пурзӯр шудан бар рӯи
замин шурӯъ намуд.
11 Ва Миср Лудим ва Аномим ва Лаҳобим ва Нафтуҳимро ба дуньё
овард,
12 Ва Фатрусим ва Каслуҳимро, ки аз он ҷо фалиштиён пайдо
шуданд, ва Кафтӯримро.
13 Ва Канъон Сидӯн, нахустзодаи худ, ва Ҳитро ба дуньё овард,
14 Ва Ябусӣ ва Амӯрӣ ва Ҷирҷоширо,
15 Ва Ҳиввӣ ва Арқӣ ва Синиро,
16 Ва Арводӣ ва Саморӣ ва Ҳамотиро.
17 Писарони Сом: Элом ва Ашшур ва Арфакшад ва Луд ва Арам ва
Ус ва Ҳул ва Ҷатар ва Машак.
18 Ва Арфакшад Шолаҳро ба дуньё овард, ва Шолаҳ Эбарро ба дуньё
овард.
19 Ва ба Эбар ду писар таваллуд шуд: номи яке Фолаҷ буд, зеро ки
дар айёми ӯ замин тақсим шудааст; ва номи бародараш — Ёқтон.
20 Ва Ёқтон Алмӯдод ва Шолаф ва Ҳазармавт ва Ёраҳро ба дуньё
овард,
21 Ва Ҳадӯром ва Узол ва Диқлоро,
22 Ва Эбол ва Абимоил ва Шаборо,
23 Ва Ӯфир ва Ҳавило ва Йӯбобро; ҳамаи онҳо писарони Ёқтон
буданд.

24 Сом, Арфакшад, Шолаҳ;
25 Эбар, Фолаҷ, Рау;
26 Саруҷ, Ноҳӯр, Тораҳ;
27 Абром, ки Иброҳим бошад+.

28 •Писарони Иброҳим: Исҳоқ ва Исмоил+.

29 Ин аст насаби онҳо: нахустзодаи Исмоил Набойӯт, ва Қедор ва
Адбаил ва Мибсом,
30 Мишмоъ ва Думо, Массо, Ҳадад ва Темо,
31 Ятур, Нофиш ва Қедмо — инҳо писарони Исмоил буданд.
32 Ва писарони Қатуро, ки суррияи Иброҳим буд: вай Зимрон ва
Ёқшон ва Мадон ва Мидьён ва Ишбоқ ва Шуаҳро зоид; ва писарони
Ёқшон: Шабо ва Дадон.
33 Ва писарони Мидьён: Эфо ва Эфар ва Ҳанӯх ва Абидоъ ва Алдоо
— ҳамаи инҳо писарони Қатуро буданд.
34 Ва Иброҳим Исҳоқро ба дуньё овард; писарони Исҳоқ: Эсов ва
Исроил+.
35 Писарони Эсов: Элифоз, Реуил ва Яуш ва Яълом ва Қӯраҳ.
36 Писарони Элифоз: Темон ва Ӯмор, Сафӣ ва Ҷаътом, Қеназ ва
Тимнаъ ва Амолеқ.
37 Писарони Реуил: Наҳат, Зараҳ, Шаммо ва Миззо.

38 •Ва писарони Сеир: Лӯтон ва Шӯбол ва Сибъӯн ва Ано ва Дишӯн
ва Эсар ва Дишан.
39 Ва писарони Лӯтон: Ҳӯрӣ ва Ҳӯмом; ва хоҳари Лӯтон: Тимнаъ.
40 Писарони Шӯбол: Альён ва Монаҳат ва Эбол, Шафӣ ва Ӯном; ва
писарони Сибъӯн: Аё ва Ано.
41 Писарони Ано: Дишӯн; ва писарони Дишӯн: Ҳамрон ва Ашбон ва
Итрон ва Карон.
42 Писарони Эсар: Билҳон ва Заъвон, Яақон; писарони Дишӯн: Ус ва
Арон.

43 •Ва инҳоянд подшоҳоне ки дар замини Адӯм подшоҳӣ кардаанд,
пеш аз он ки подшоҳе дар банӣ-Исроил подшоҳӣ кунад: Балаъ ибни
Баӯр, ва номи шаҳри ӯ Динҳоба буд.
44 Ва Балаъ мурд, ва дар ҷояш Йӯбоб ибни Зараҳ аз Босро подшоҳӣ
кард+.

[45] Ва Йӯбоб мурд, ва дар ҷояш Ҳушом аз замини темониён
подшоҳӣ кард+.
[46] Ва Ҳушом мурд, ва дар ҷояш Ҳадад ибни Бадад, ки дар саҳрои
Мӯоб Мидьёнро шикаст дод, подшоҳӣ кард, ва номи шаҳри ӯ Авит
буд.
[47] Ва Ҳадад мурд, ва дар ҷояш Самло аз Масреқо подшоҳӣ кард.
[48] Ва Самло мурд, ва дар ҷояш Шоул аз Раҳӯбӯти лаби наҳр
подшоҳӣ кард.
[49] Ва Шоул мурд, ва дар ҷояш Баал-Ҳонон ибни Акбӯр подшоҳӣ
кард.
[50] Ва Баал-Ҳонон мурд, ва дар ҷояш Ҳадад подшоҳӣ кард, ва номи
шаҳри ӯ Фоӣ буд; ва номи занаш Маҳетабъил бинти Матрад бинти
Мезоҳоб буд.
[51] Ва Ҳадад мурд; ва умарои Адӯм буданд: амир Тимнаъ, амир
Алво, амир Ятет,+
[52] Амир Оҳалибомо, амир Эло, амир Финӯн,
[53] Амир Қеназ, амир Темон, амир Мибсор,
[54] Амир Маҷдиил, амир Иром; инҳо умарои Адӯм буданд.

## Насли Яъқуб ва Яҳудо.

**2** 1 Инҳоянд писарони Исроил: Реубен, Шимъӯн, Левӣ ва Яҳудо,
Иссокор ва Забулун,+
2 Дон, Юсуф ва Биньёмин, Нафтолӣ, Ҷод ва Ошер.
3 Писарони Яҳудо: Эр ва Ӯнон ва Шело, — ин се нафар барои ӯ аз
Бат-Шуои канъонӣ таваллуд ёфтанд; ва нахустзодаи Яҳудо, Эр, дар
назари Худованд ношоям буд, ва Ӯ варо миронид+.
4 Ва келинаш Томор барои ӯ Форас ва Зораҳро зоид; писарони
Яҳудо ҷамъ панҷ нафар буданд+.
5 Писарони Форас: Ҳесрӯн ва Ҳомул+.
6 Ва писарони Зораҳ: Зимрӣ ва Эйтон ва Ҳеймон ва Калкул ва
Дораъ; ҷамъ панҷ нафар буданд+.
7 Ва писарони峰Кармӣ: Охори балоангези Исроил, ки дар бобати
ғанимати ҳаром хиёнат карда буд+.
8 Ва писарони Эйтон: Азарьё.

9 •Ва писарони Ҳесрӯн, ки барои ӯ таваллуд ёфтанд: Ераҳмеил ва
Ром ва Келубой.
10 Ва Ром Аминодобро ба дуньё овард, ва Аминодоб Наҳшӯнро ба
дуньё овард, ки вай раиси банӣ-Яҳудо буд+.
11 Ва Наҳшӯн Салморо ба дуньё овард, ва Салмо Бӯазро ба дуньё
овард.
12 Ва Бӯаз Убидро ба дуньё овард, ва Убид Йисойро ба дуньё овард.
13 Ва Йисой нахустзодаи худ Элиобро ба дуньё овард, ва дуюмин —
Абинодобро, ва сеюмин — Шимъоро,+
14 Ва чорумин — Натанъилро, ва панҷумин — Раддайро,
15 Ва шашумин — Ӯсамро, ва ҳафтумин — Довудро.
16 Ва хоҳаронашон Саруё ва Абиҷайл буданд. Ва писарони Саруё —
Абшай ва Юоб ва Асоил; се нафар+.
17 Ва Абиҷайл Амосоро зоид. Ва падари Амосо Ётари исмоилӣ
буд+.
18 Ва Колеб ибни Ҳесрӯн аз зани худ Азубо ва аз Ериӯт фарзандон
ба дуньё овард, ва писаронаш инҳоянд: Ёшар ва Шубоб ва Ардӯн.
19 Ва Азубо мурд, ва Колеб Эфратро гирифт, ва ӯ Ҳурро барои вай
зоид.

[20] Ва Ҳур Уриро ба дуньё овард, ва Урӣ Басалъилро ба дуньё
овард+.
[21] Ва сонӣ Ҳесрӯн назди духтари Мокир, падари Ҷилъод, даромад,
ва ӯро гирифт, дар ҳолате ки шастсола буд, ва ӯ барои вай Саҷубро
зоид+.
[22] Ва Саҷуб Ёирро ба дуньё овард, ва ӯ дар замини Ҷилъод бисту се
шаҳр дошт+.
[23] Вале Ҷашур ва Арам деҳоти Ёир, Қанот ва қасабаҳои онро, ки
шаст шаҳр буд, аз онҳо гирифтанд, — ҳамаи инҳо ба писарони Мокир,
падари Ҷилъод, тааллуқ дошт+.
[24] Ва баъд аз он ки Ҳесрӯн дар Колеб-Эфрат мурд, Абиё, зани
Ҳесрӯн, барои ӯ Ашҳурро зоид, ки вай падари Тақӯо буд+.
[25] Ва писарони Ераҳмеил, нахустзодаи Ҳесрӯн, инҳо буданд:
нахустзодааш Ром ва Буно ва Ӯран ва Ӯсам ва Аҳиё+.
[26] Ва Ераҳмеил зани дигаре дошт, ки номаш Аторо буд, ва ӯ модари
Ӯном буд.
[27] Ва писарони Ром, нахустзодаи Ераҳмеил, инҳо буданд: Маас ва
Ёмин ва Эқар.
[28] Ва писарони Ӯном Шаммай ва Ёдоъ буданд, ва писарони
Шаммай — Нодоб ва Абишур.
[29] Ва номи зани Абишур Абиҳоил буд, ва ӯ Аҳбон ва Мӯлидро
барои вай зоид.
[30] Ва писарони Нодоб: Солад ва Апоим; ва Солад бе фарзанд мурд.
[31] Ва писарони Апоим: Йишъӣ; ва писарони Йишъӣ: Шешон; ва
писарони Шешон: Аҳлой.
[32] Ва писарони Ёдоъ, бародари Шаммай: Ётар ва Йӯнотон; ва Ётар
бе фарзанд мурд.
[33] Ва писарони Йӯнотон: Фолат ва Зозо. Инҳо писарони Ераҳмеил
буданд.
[34] Ва Шешон писаре надошт, балки фақат духтарон дошт; ва Шешон
ғуломи мисрие дошт, ва номаш Ярҳоъ буд.
[35] Ва Шешон духтари худро ба ғуломаш Ярҳоъ ба занӣ дод, ва ӯ
Аттойро барои вай зоид.
[36] Ва Аттой Нотонро ба дуньё овард, ва Нотон Зободро ба дуньё
овард.

[37] Ва Зобод Эфлолро ба дуньё овард, ва Эфлол Убидро ба дуньё
овард.
[38] Ва Убид Еҳуро ба дуньё овард, ва Еҳу Азарьёро ба дуньё овард.
[39] Ва Азарьё Ҳоласро ба дуньё овард, ва Ҳолас Элъосоро ба дуньё
овард.
[40] Ва Элъосо Сисмойро ба дуньё овард, ва Сисмой Шаллумро ба
дуньё овард.
[41] Ва Шаллум Еқамьёро ба дуньё овард, ва Еқамьё Элишомаъро ба
дуньё овард.
[42] Ва писарони Колеб, бародари Ераҳмеил: нахустзодааш Мешоъ,
ки падари Зиф буд, ва писарони Морешо, падари Ҳебрӯн.
[43] Ва писарони Ҳебрӯн: Қӯраҳ ва Тапуаҳ ва Роқам ва Шомаъ.
[44] Ва Шомаъ Раҳам, падари Ёрқеомро ба дуньё овард, ва Роқам
Шаммайро ба дуньё овард.
[45] Ва писари Шаммай: Моӯн; ва Моӯн падари Байт-Сӯр буд.
[46] Ва Эйфо, суррияи Колеб, Ҳорон ва Мӯсо ва Ҷозизро зоид; ва
Ҳорон Ҷозизро ба дуньё овард.
[47] Ва писарони Ёҳдой: Роҷам ва Ютом ва Ҷишон ва Фолат ва Эйфо
ва Шоаф.
[48] Маако, суррияи Колеб, Шобар ва Тирҳаноро зоид.
[49] Ва ӯ низ Шоаф, падари Мадманно, ва Шаво, падари Макбено ва
падари Ҷибъоро зоид. Ва духтари Колеб Аксо буд+.
[50] Писарони Колеб ибни Ҳур, нахустзодаи Эфрат, инҳо буданд:
Шубол, падари Қирьят-Еорим;+
[51] Салмо, падари Байт-Лаҳм; Ҳориф, падари Байт-Ҷодир.
[52] Ва Шубол, падари Қирьят-Еорим, писарон дошт: Ҳорӯз, Ҳасӣ-
Ҳамнуҳӯт.
[53] Ва оилаҳои Қирьят-Еорим: йитриён ва футиён, шумотиён ва
мишроиён, ки аз онҳо соръотиён ва эштоулиён ба вуҷуд омадаанд+.
[54] Писарони Салмо: Байт-Лаҳм, натӯфотиён, Атрӯт-Байт-Юоб,
ҳасӣ-ҳамнуҳӯтиён ва соръиён.
[55] Ва оилаҳои котибоне ки дар Яъбис сокин буданд: тиръотиён,
шимъотиён, сукотиён; инҳо қиниёнанд, ки аз Ҳаммат, падари Байт-
Рикоб, пайдо шудаанд+.

## Насли Довуд. Подшоҳони Яҳудо.

3 1 •Ва писарони Довуд, ки барои ӯ дар Ҳебрӯн таваллуд ёфтанд,
инҳо буданд: нахустзодааш Амнӯн аз Аҳинӯами изреъилӣ;
дуюмин — Дониёл аз Абиҷайли кармилӣ;+
2 Сеюмин — Абшолӯм ибни Маъко бинти Талмой, подшоҳи Ҷашур;
чорумин — Адӯниё ибни Ҳаҷҷит;+
3 Панҷумин — Шафатьё аз Абитол; шашумин — Йитреом аз зани ӯ
Эҷло.
4 Ин шаш нафар барои ӯ дар Ҳебрӯн таваллуд ёфтанд, ки дар он ҷо
ӯ ҳафт сол ва шаш моҳ подшоҳ буд, ва дар Ерусалим сию се сол
подшоҳӣ кард+.
5 Ва инҳо барои ӯ дар Ерусалим таваллуд ёфтанд: Шимъо ва Шубоб
ва Нотон ва Сулаймон — чор нафар аз Бат-Шуо бинти Амиил;+
6 Ва Йибҳор ва Элишомоъ ва Элифолат;
7 Ва Нӯҷа ва Нофаҷ ва Ёфиа;
8 Ва Элишомоъ ва Эльёдоъ ва Элифолат — нӯҳ нафар.
9 Ҷамъи писарони Довуд ҳаминҳо буданд, ғайр аз писарони
сурриягон ва хоҳарашон Томор+.
10 Ва писари Сулаймон — Раҳабъом, писараш Абиё, писараш Осо,
писараш Еҳӯшофот,+
11 Писараш Еҳӯром, писараш Аҳазьёҳу, писараш Юош,+
12 Писараш Амасьё, писараш Азарьё, писараш Ютом;+
13 Писараш Оҳоз, писараш Ҳизқиё, писараш Менашше;+
14 Писараш Омӯн, писараш Йӯшиёҳу+.
15 Ва писарони Йӯшиёҳу: нахустзодааш Йӯҳонон, дуюмин —
Еҳӯёқим, сеюмин — Сидқиё, чорумин — Шаллум+.
16 Ва писарони Еҳӯёқим: писараш Еконьё, писараш Сидқиё+.
17 Ва писарони Еконьё: Асир, писараш Шаалтиил;
18 Ва Малкиром ва Фадоё ва Шенъасар, Еқамьё, Ҳӯшомоъ ва
Надабьё.
19 Ва писарони Фадоё: Зарубобил ва Шимъӣ; ва писарони
Зарубобил: Машуллом ва Ҳананьё, ва хоҳарашон Шелӯмит;+
20 Ва Ҳашубо ва Ӯҳил ва Боракьё ва Ҳасадьё, Юшаб-Ҳосад — панҷ
нафар.

[21] Ва писарони Ҳананьё: Фалатьё ва Ишаъё; писараш Рафоё, писараш Арнон, писараш Убадьё, писараш Шаканьё.
[22] Ва писари Шаканьё: Шамаъё; ва писарони Шамаъё: Ҳаттуш ва Йиҷъол ва Борияҳ ва Наарьё ва Шафот — шаш нафар+.
[23] Ва писарони Наарьё: Эльйӯэнай ва Ҳизқиё ва Азриқом — се нафар.
[24] Ва писарони Эльйӯэнай: Ҳӯдавьёҳу ва Эльёшиб ва Фалоё ва Аққуб ва Йӯҳонон ва Далоё ва Анонӣ — ҳафт нафар.

## Насли Яҳудо ва Шимъӯн.

**4** [1] Писарони Яҳудо: Форас, Ҳесрӯн ва Кармӣ ва Ҳур ва Шубол+.
[2] Ва Раоё ибни Шубол Яҳатро ба дуньё овард, ва Яҳат — Аҳумай
ва Лоҳадро; инҳоянд оилаҳои сорьотиён+.
[3] Ва инҳо писарони падари Эйтом мебошанд: Изреъил ва Ишмо ва
Идбош; ва номи хоҳарашон Ҳаслелфӯнӣ буд.
[4] Ва Фануил падари Ҷадур ва Эзар падари Ҳушо; инҳо писарони
Ҳур, нахустзодаи Эфрат, падари Байт-Лаҳм буданд+.
[5] Ва Ашҳур, падари Тақӯо, ду зан дошт: Ҳелъо ва Нааро+.
[6] Ва Нааро барои ӯ Аҳуззом ва Ҳефар ва Темнӣ ва Ҳоаҳашториро
зоид, — инҳо писарони Нааро буданд.
[7] Ва писарони Ҳелъо: Сорат ва Сӯҳар ва Этнон.
[8] Ва Қӯс Онуб ва Субибо ва оилаҳои Аҳарҳил ибни Ҳорумро ба
дуньё овард.
[9] Ва Яъбис аз бародарони худ мӯҳтарамтар буд, ва модараш ӯро
Яъбис ном ниҳода, гуфт: «Зеро ки ман ӯро бо андӯҳ зоидаам».
[10] Ва Яъбис сӯи Худои Исроил хонда, гуфт: «Кошки Ту маро
баракат медодӣ, ва ҳудуди маро афзун менамудӣ, ва дасти Ту бо ман
мебуд, ва маро аз офат маҳфуз медоштӣ, то ки андӯхгин набошам!»
Ва Худованд ба вай он чи талабида буд, ато намуд.
[11] Ва Калуб, бародари Шуҳо, Маҳирро, ки падари Эштӯн бошад, ба
дуньё овард,
[12] Ва Эштӯн Байт-Рофо ва Фосияҳ ва Таҳинно, падари шаҳри
Ноҳошро ба дуньё овард, — инҳо мардуми Рико мебошанд.
[13] Ва писарони Қеназ: Отниил ва Сароё; ва писари Отниил: Ҳатат+.
[14] Ва Маӯнӯтай Офроро ба дуньё овард, ва Сароё Юоб, падари Дараи
косибонро ба дуньё овард, зеро ки косиб буданд.
[15] Ва писарони Колеб ибни Ефунне: Иру, Эло ва Ноам; ва писари
Эло: Қеназ+.
[16] Ва писарони Еҳалелъил: Зиф ва Зифо, Тирьё ва Асаръил.
[17] Ва писарони Эзро: Ётар ва Морад ва Эфар ва Ёлӯн; ва Мирьём ва
Шаммай ва Ишбаҳ, падари Эштемӯаро зоид.
[18] Ва зани яҳудияи ӯ Ёрад, падари Ҷадур, ва Ҳобар, падари Сукӯ, ва
Яқутиил, падари Зонӯаҳро зоид; ҳаминҳо писарони Битьё бинти
фирьавн, ки Морад гирифта буд, мебошанд.

19 Ва писарони зани ӯ Ҳӯдиё, ки хоҳари Ноҳам, падари Қаило буд,
Ҷармӣ ва Эштемӯаи маъкотӣ буданд.
20 Ва писарони Шимӯн: Амнӯн ва Ринно, Бен-Ҳанан ва Тилӯн; ва
писарони Йишъӣ: Зӯҳит ва Бен-Зӯҳит.
21 Писарони Шело ибни Яҳудо: Эр, падари Лико, ва Лаъдо, падари
Морешо, ва оилаҳои корхонаи катонбофӣ аз хонадони Ашбеа,+
22 Ва Юқим ва мардуми Кузибо ва Юош ва Сороф, ки амлокдорони
Мӯоб буданд ва бо ҷанг ҷавоб мегардонданд; ва ин вақоеи қадим аст.
23 Онҳо кулолгар буданд ва дар Натоим ва Ҷадеро сукунат
доштанд, аз ҷониби подшоҳ барои иҷрои кори ӯ дар он ҷо сокин
буданд.
24 Писарони Шимъӯн: Намуил ва Ёмин, Ёриб, Зораҳ, Шоул;+
25 Писараш Шаллум, писараш Мибсом, писараш Мишмоъ.
26 Ва писарони Мишмоъ: писараш Ҳаммуил, писараш Заккур,
писараш Шимъӣ;
27 Ва Шимъӣ шонздаҳ писар ва шаш духтар дошт, вале
бародаронаш писарони бисьёр надоштанд, ва тамоми оилаашон
мисли банӣ-Яҳудо сершумор нашуда буд.
28 Ва онҳо дар Беэр-Шобаъ ва Мӯлодо ва Ҳасар-Шуол сукунат
доштанд,+
29 Ва дар Билҳо ва Осам ва Тӯлод,
30 Ва дар Батуил ва Ҳормо ва Сиқлоҷ,
31 Ва дар Байт-Маркобӯт ва Ҳасар-Сусим ва Байт-Биръӣ ва
Шааройм; ин шаҳрҳо то вақти подшоҳии Довуд аз они онҳо буд.
32 Ва қасабаҳои онҳо: Эйтом ва Айин, Риммӯн ва Тӯкин ва Ошон —
панҷ шаҳр,
33 Ва ҳамаи қасабаҳои онҳо, ки дар гирду пеши ин шаҳрҳо то Боал
буд; ҳамин аст масканҳои онҳо ва насабномаҳое ки онҳо доштанд.
34 Ва Машубоб ва Ямлик ва Юшо ибни Амасьё,
35 Ва Юил ва Еҳу ибни Юшибьё, ибни Сароё, ибни Асиил,
36 Ва Элюэнай ва Яъқубо ва Юшуҳоё ва Асоё ва Адиил ва Ишмиил
ва Баноё,
37 Ва Зизо ибни Шифъӣ, ибни Аллӯн, ибни Ядоё, ибни Шимрӣ,
ибни Шамаъё, —
38 Инҳо, ки номҳошон зикр ёфтааст, сардорони оилаҳои худ
буданд, ва хонаводаи падаронашон бағоят сершумор гардида буд.

[39] Ва онҳо ба даромадгоҳи Ҷадур, то тарафи шарқии дара рафтанд,
то ки барои рамаҳои худ чарогоҳ пайдо кунанд.
[40] Ва чарогоҳи сералафи хубе ёфтанд, ва он замин фарох ва ором
ва осоишта буд, ки дар он ҷо пештар ҳомиён сукунат доштанд.
[41] Ва онҳое ки дар айёми Ҳизқиё, подшоҳи Яҳудо, ном ба ном
навишта шуда буданд, омада, хаймаҳоишонро ва маӯниёни дар он ҷо
ёфтшударо зарба заданд ва то имрӯз онҳоро маҳв намуда, дар
ҷояшон сокин шуданд, зеро ки чарогоҳ барои рамаҳошон дар он ҷо
буд+.
[42] Ва аз миёни онҳо, аз банӣ-Шимъӯн, панҷсад нафар ба кӯҳи Сеир
рафтанд, ва Фалатьё ва Наарьё ва Рафоё ва Узиил, писарони Йишъӣ,
сардорашон буданд;+
[43] Ва бақияи растагорони Амолеқро зарба заданд, ва то имрӯз дар
он ҷо сукунат доранд+.

## Насли Реубен, Ҷод, Менашше ва Левӣ.

**5** 1 Ва писарони Реубен, нахустзодаи Исроил, — зеро ки ӯ
нахустзода буд, вале вақте ки бистари падарашро палид кард,
нахустзодагии ӯ ба писарони Юсуф ибни Исроил дода шуд, ва дар
насабномаи ӯ нахустзодагӣ инъикос наёфт;+
2 Ва агарчи Яҳудо бар бародаронаш бартарӣ пайдо карда, пешво аз
ӯ пайдо шуд, вале нахустзодагӣ аз они Юсуф гардид+.
3 Писарони Реубен, нахустзодаи Исроил: Ҳанӯх ва Фаллу, Ҳесрӯн
ва Кармӣ+.
4 Писарони Юил: писараш Шамаъё, писараш Ҷуҷ, писараш Шимъӣ,
5 Писараш Мико, писараш Раоё, писараш Баал,
6 Писараш Баэро, ки ӯро Тиҷлат Филосар, подшоҳи Ашшур, ба
асирӣ бурд, ва ӯ раиси реубениён буд+.
7 Ва бародаронаш, бар ҳасби хонаводаҳошон, мувофиқи рӯйхати
насабномаҳошон, Яиил, ки сардор буд, ва Закарьёҳу,+
8 Ва Болаъ ибни Озоз, ибни Шомаъ, ибни Юил, ки дар Арӯэр то
Набӯ ва Баал-Маӯн сокин буд,
9 Ва ба тарафи шарқ то даромадгоҳи биёбон, ки ибтидояш аз наҳри
Фурот буд, сукунат дошт, зеро ки рамаҳои чорвои онҳо дар замини
Ҷилъод сершумор шуда буд+.
10 Ва дар айёми Шоул онҳо бо ҳоҷариён ҷанг карданд, ва ҳоҷариён
ба дасти онҳо афтоданд; ва онҳо дар тамоми музофоти шарқии
Ҷилъод дар хаймаҳои ҳоҷариён сокин шуданд+.
11 Ва банӣ-Ҷод дар рӯ ба рӯи онҳо то Салко, ки дар замини Бошон
буд, сукунат доштанд+.
12 Юил сардорашон, ва Шофом муовини ӯ буд, ва Яънай ва Шофот
дар Бошон буданд.
13 Ва бародарони онҳо, бар ҳасби хонаводаҳошон: Микоил ва
Машуллом ва Шобаъ ва Юрай ва Яъкон ва Зияъ ва Эбар — ҳафт нафар.
14 Инҳоянд писарони Абиҳоил ибни Ҳурӣ, ибни Ёрӯаҳ, ибни
Ҷилъод, ибни Микоил, ибни Ешишай, ибни Яҳдӯ, ибни Буз;
15 Аҳӣ ибни Абдиил, ибни Ҷунӣ сардори хонаводаи онҳо буд.
16 Ва онҳо дар Ҷилъод ва Бошон ва деҳоташ, ва дар ҳамаи
чарогоҳҳои Шорӯн то ақсои он сокин буданд+.

17 Насабномаи ҳамаашон дар айёми Ютом, подшоҳи Яҳудо, ва дар
айёми Ёробъом, подшоҳи Исроил, тартиб дода шуда буд+.
18 Аз банӣ-Реубен ва Ҷодиён ва нисфи сибти Менашше ҷанговарон,
касоне ки сипар ва шамшер мебардоштанд, ва камондорон, ва
ҷангозмудагон, ки ба майдони корзор мебаромаданд, чилу чор
ҳазору ҳафтсаду шаст нафар буданд.
19 Ва онҳо бо ҳоҷариён ва Йитур ва Нофиш ва Нӯдоб ҷанг карданд.
20 Ва бар зидди инҳо кӯмак гирифтанд, ва ҳоҷариён ва ҳамаи
ҳамроҳонашон ба дасти онҳо таслим гардиданд, зеро ки онҳо дар
вақти ҷанг ба Худо истиғоса бурданд, ва Ӯ истиғосаи онҳоро иҷобат
намуд, чунки ба Ӯ таваккал карданд.
21 Ва аз чорвои онҳо ба ғанимат гирифтанд: панҷоҳ ҳазор шутур,
ва дусаду панҷоҳ ҳазор гӯсфанд, ва ду ҳазор хар, ва сад ҳазор ҷони
одам,
22 Зеро бисьёр касон кушта шуданд, чунки ин ҷанг аз ҷониби Худо
буд; ва ба ҷои инҳо то вақти асирии худ сокин шуданд+.
23 Ва писарони нисфи сибти Менашше дар он замин, аз Бошон то
Баал-Ҳермӯн ва Санир ва кӯҳи Ҳермӯн сокин буданд; онҳо афзоиш
ёфтанд+.
24 Ва инҳоянд сардорони хонаводаҳошон: Эфар ва Йишъӣ ва Алиил
ва Азриил ва Ирмиё ва Ҳӯдавьё ва Яҳдиил, ки мардони шуҷои ҷангӣ,
мардони номдор, сардорони хонаводаҳои худ буданд.
25 Валекин ба Худои падарони худ хиёнат карданд, ва ба худоёни
қавмҳои он замин, ки Худо аз пеши онҳо маҳв карда буд, пайравӣ
намуда, бо зино машғул шуданд.
26 Ва Худои Исроил рӯҳи Фул, подшоҳи Ашшур, ва рӯҳи Тиҷлат
Филосар, подшоҳи Ашшурро барангехт, ва ӯ реубениён ва ҷодиён ва
нисфи сибти Менашшеро ба асирӣ гирифт, ва онҳоро ба Ҳалаҳ ва
Ҳобӯр ва Ҳоро ва наҳри Ҷӯзон овард, ки то имрӯз онҳо дар он ҷо
мебошанд+.

## Алоҳида дар бораи насли Левӣ ва Ҳорун.

6 1 •Писарони Левӣ: Ҷершӯн, Қаҳот ва Марорӣ+.
2 Ва писарони Қаҳот: Амром, Йисҳор ва Ҳебрӯн ва Уззиил+.
3 Ва фарзандони Амром: Ҳорун ва Мусо ва Марьям; ва писарони
Ҳорун: Нодоб ва Абиҳу, Элъозор ва Итомор+.
4 Элъозор Финҳосро ба дуньё овард; Финҳос Абишуаро ба дуньё
овард;+
5 Ва Абишуа Буққиро ба дуньё овард, ва Буққӣ Уззиро ба дуньё
овард;
6 Ва Уззӣ Зараҳьёро ба дуньё овард, ва Зараҳьё Мароютро ба дуньё
овард;
7 Ва Мароют Амарьёро ба дуньё овард, ва Амарьё Аҳитубро ба
дуньё овард;
8 Ва Аҳитуб Содӯқро ба дуньё овард, ва Содӯқ Аҳимаасро ба дуньё
овард;+
9 Ва Аҳимаас Азарьёро ба дуньё овард, ва Азарьё Йӯҳононро ба
дуньё овард;+
10 Ва Йӯҳонон Азарьёро ба дуньё овард; вай ҳамон аст, ки дар
хонае ки Сулаймон дар Ерусалим бино кард, коҳин буд.
11 Ва Азарьё Амарьёро ба дуньё овард, ва Амарьё Аҳитубро ба
дуньё овард;
12 Ва Аҳитуб Содӯқро ба дуньё овард, ва Содӯқ Шаллумро ба дуньё
овард;+
13 Ва Шаллум Ҳилқиёро ба дуньё овард, ва Ҳилқиё Азарьёро ба
дуньё овард;
14 Ва Азарьё Сароёро ба дуньё овард, ва Сароё Еҳӯсодоқро ба дуньё
овард;+
15 Ва Еҳӯсодоқ ба асирӣ рафт, вақте ки Худованд аҳли Яҳудо ва
Ерусалимро ба воситаи Набукаднесар ҷалои ватан кард+.
16 Писарони Левӣ: Ҷершӯн, Қаҳот ва Марорӣ+.
17 Ва инҳоянд номҳои писарони Ҷершӯн: Либнӣ ва Шимъӣ.
18 Ва писарони Қаҳот: Амром ва Йисҳор ва Ҳебрӯн ва Уззиил+.
19 Писарони Марорӣ: Маҳлӣ ва Мушӣ; ва инҳоянд оилаҳои Левӣ
бар ҳасби хонаводаҳошон+.

20 Аз они Ҷершӯн: писараш Либнӣ, писараш Яҳат, писараш Зиммо;
21 Писараш Юоҳ, писараш Иддӯ, писараш Зораҳ, писараш Еотрай.
22 Писарони Қаҳот: писараш Амминодоб, писараш Қӯраҳ, писараш
Ассир,
23 Писараш Элқоно ва писараш Эбьёсоф ва писараш Ассир,+
24 Писараш Таҳат, писараш Уриил, писараш Уззиё ва писараш
Шоул.
25 Ва писарони Элқоно: Амосай ва Аҳимӯт.
26 Элқоно; писарони Элқоно: писараш Сӯфай ва писараш Наҳат;
27 Писараш Элиоб, писараш Ерӯҳом, писараш Элқоно.
28 Ва писарони Самуил: нахустзодааш Юил, дуюмаш Абиё.
29 Ва писарони Марорӣ: Маҳлӣ, писараш Либнӣ, писараш Шимъӣ,
писараш Уззо;
30 Писараш Шимъо, писараш Ҳаҷиё, писараш Асоё.
31 Ва инҳоянд, ки Довуд барои сурудгӯӣ дар хонаи Худованд таъин
намуд, баъд аз он ки сандуқ дар оромгоҳаш гузошта шуд+.
32 Ва онҳо пеши маскани хаймаи ҷомеъ хизматгузорони сурудгӯй
буданд, то вақте ки Сулаймон хонаи Худовандро дар Ерусалим бино
кард, ва онҳо мувофиқи низомномаи худ бар хизмати худ
меистоданд+.
33 Ва инҳоянд, ки бо писарони худ меистоданд: аз писарони
қаҳотиён: Ҳеймони муғаннӣ, ибни Юил, ибни Самуил,+
34 Ибни Элқоно, ибни Ерӯҳом, ибни Алиил, ибни Тӯаҳ,
35 Ибни Суф, ибни Элқоно, ибни Маҳат, ибни Амосой,
36 Ибни Элқоно, ибни Юил, ибни Азарьё, ибни Сафаньё,
37 Ибни Таҳат, ибни Ассир, ибни Эбьёсор, ибни Қӯраҳ,
38 Ибни Йисҳор, ибни Қаҳот, ибни Левӣ, ибни Исроил.
39 Ва бародараш Ософ, ки ба ямини ӯ меистод, — Ософ ибни
Боракьёҳу, ибни Шимъо,+
40 Ибни Микоил, ибни Баасиё, ибни Малкиё,
41 Ибни Этнӣ, ибни Зораҳ, ибни Адоё,
42 Ибни Эйтон, ибни Зиммо, ибни Шимъӣ,
43 Ибни Яҳат, ибни Ҷершӯн, ибни Левӣ.
44 Ва писарони Марорӣ, бародарҳошон, ба тарафи чап буданд:
Эйтон ибни Қишӣ, ибни Абдӣ, ибни Маллук,+
45 Ибни Ҳашабьё, ибни Амасьё, ибни Ҳилқиё,

[46] Ибни Амсӣ, ибни Бонӣ, ибни Шомар,
[47] Ибни Маҳлӣ, ибни Мушӣ, ибни Марорӣ, ибни Левӣ.
[48] Ва бародарони онҳо, левизодагон, ба ҳар хизмати маскани
хонаи Худо таъин шуданд.
[49] Ва Ҳорун ва писаронаш бар қурбонгоҳи қурбонии сӯхтанӣ ва бар
қурбонгоҳи бухур қурбониҳо месӯзониданд ва ҳар корро дар қудси
қудсҳо барои кафорати Исроил ба ҷо меоварданд, мувофиқи ҳар он
чи Мусо, бандаи Худо, амр фармуда буд+.
[50] Ва инҳоянд писарони Ҳорун: писараш Элъозор, писараш Финҳос,
писараш Абишуа,+
[51] Писараш Буққӣ, писараш Уззӣ, писараш Зараҳьё,
[52] Писараш Мароют, писараш Амарьё, писараш Аҳитуб,
[53] Писараш Содӯқ, писараш Аҳимаас.

## Шаҳрҳои коҳинон ва левизодагон.

[54] •Ва инҳоянд масканҳои онҳо, бар ҳасби деҳоташон, дар
ҳудудашон: ба писарони Ҳорун аз қабилаи қаҳотиён, — чунки қуръаи
аввалин аз они онҳо буд, —+
[55] Ҳебрӯнро дар замини Яҳудо бо ҳаволии гирду пеши он доданд.
[56] Вале киштзори ин шаҳр ва деҳоташро ба Колеб ибни Ефунне
доданд+.
[57] Ва ба писарони Ҳорун шаҳрҳои гурезгоҳ: Ҳебрӯн ва Либноро бо
ҳаволии он, ва Яттир ва Эштемӯаро бо ҳаволии он доданд,
[58] Ва Ҳиленро бо ҳаволии он, ва Дабирро бо ҳаволии он,
[59] Ва Ошонро бо ҳаволии он, ва Байт-Шемешро бо ҳаволии он,
[60] Ва аз хонадони Биньёмин — Ҷобаъро бо ҳаволии он, ва
Оламатро бо ҳаволии он, ва Анотӯтро бо ҳаволии он, — ҳамаи
шаҳрҳои онҳо мувофиқи қабилаҳошон сездаҳ шаҳр буд.
[61] Ва ба бақияи писарони Қаҳот, аз қабилаҳои ин хонадон,
мувофиқи қуръа, аз ҳиссаи мероси нисфи хонадони Менашше даҳ
шаҳр расид.
[62] Ва ба писарони Ҷершӯн, бар ҳасби қабилаҳошон, аз хонадони
Иссокор ва аз хонадони Ошер ва аз хонадони Нафтолӣ ва аз хонадони
Менашше, ки дар Бошон буд, сездаҳ шаҳр расид.

63 Ва ба писарони Марорӣ, бар ҳасби қабилаҳошон, аз хонадони
Реубен ва аз хонадони Ҷод ва аз хонадони Забулун, мувофиқи қуръа,
дувоздаҳ шаҳр расид.
64 Ва банӣ-Исроил ин шаҳрҳоро бо ҳаволии онҳо ба левизодагон
доданд.
65 Ва ин шаҳрҳоро, ки номҳошон зикр шудааст, аз хонадони банӣ-
Яҳудо ва аз хонадони банӣ-Шимъӯн ва аз хонадони банӣ-Биньёмин
мувофиқи қуръа доданд.
66 Ва барои баъзе қабилаҳои банӣ-Қаҳот шаҳрҳои ҳудудашон аз
хонадони Эфроим буд.
67 Ва ба онҳо шаҳрҳои гурезгоҳро: Шакемро дар кӯҳи Эфроим бо
ҳаволии он, ва Ҷозарро бо ҳаволии он доданд.
68 Ва Ёқмеомро бо ҳаволии он, ва Байт-Ҳӯрӯнро бо ҳаволии он,
69 Ва Аёлӯнро бо ҳаволии он, ва Ҷат-Риммӯнро бо ҳаволии он;
70 Ва аз нисфи хонадони Менашше — Онирро бо ҳаволии он, ва
Билъомро бо ҳаволии он, барои бақияи қабилаҳои банӣ-Қаҳот;
71 Ва барои банӣ-Ҷершӯн аз қабилаҳои нисфи хонадони Менашше
— Ҷӯлонро дар Бошон бо ҳаволии он, ва Ашторӯтро бо ҳаволии он;
72 Ва аз хонадони Иссокор — Қодешро бо ҳаволии он, ва Добратро
бо ҳаволии он,
73 Ва Ромӯтро бо ҳаволии он, ва Онимро бо ҳаволии он;
74 Ва аз хонадони Ошер — Мошолро бо ҳаволии он, ва Абдӯнро бо
ҳаволии он,
75 Ва Ҳуқӯқро бо ҳаволии он, ва Раҳӯбро бо ҳаволии он;
76 Ва аз хонадони Нафтолӣ — Қодешро дар Ҷалил бо ҳаволии он, ва
Ҳаммӯнро бо ҳаволии он, ва Қирьётаимро бо ҳаволии он.
77 Ва ба бақияи писарони Марорӣ: аз хонадони Забулун —
Риммӯнро бо ҳаволии он, ва Тобӯрро бо ҳаволии он;
78 Ва аз он тарафи Урдун, дар рӯ ба рӯи Ериҳӯ, ба ҷониби шарқии
Урдун, аз хонадони Реубен — Босарро дар биёбон бо ҳаволии он, ва
Яҳсоро бо ҳаволии он,
79 Ва Қадемӯнро бо ҳаволии он, ва Мифаатро бо ҳаволии он;
80 Ва аз хонадони Ҷод — Ромӯтро дар Ҷилъод бо ҳаволии он, ва
Маҳаноимро бо ҳаволии он,
81 Ва Ҳешбӯнро бо ҳаволии он, ва Яъзирро бо ҳаволии он.

## Насли сибтҳои дигари Исроил.

**7** [1] Ва писарони Иссокор: Тӯлоъ ва Фуо, Ёшуб ва Шимрӯн — чор
нафар+.
[2] Ва писарони Тӯлоъ: Уззӣ ва Рафоё ва Ериил ва Яҳмай ва Йибсом
ва Самуил, ки онҳо сардорони хонаводаи падарашон Тӯлоъ ва
мардони ҷангии авлодашон буданд; шумораи онҳо дар айёми Довуд
бисту ду ҳазору шашсад нафар буд.
[3] Ва писари Уззӣ: Зараҳьё; ва писарони Зараҳьё: Микоил ва Убадьё
ва Юил ва Йишиё — панҷ нафар, ки ҳамаашон сардор буданд.
[4] Ва онҳо, бар ҳасби авлодашон ва хонаводаҳошон, фавҷҳои аскарӣ
барои ҷанг ба миқдори сию шаш ҳазор нафар доштанд, зеро ки занон
ва писаронашон бисьёр буданд.
[5] Ва бародарони онҳо аз ҳамаи қабилаҳои Иссокор ҳаштоду ҳафт
ҳазор нафар мардони ҷангӣ буданд, — ҳамаашон дар насабномаҳои
худ зикр ёфтаанд+.
[6] Ва писарони Биньёмин: Болаъ ва Бокар ва Едиойил — се нафар+.
[7] Ва писарони Болаъ: Эсбӯн ва Уззӣ ва Уззиил ва Еримӯт ва Ирӣ —
панҷ нафар, ки сардорони хонаводаҳо ва мардони ҷангӣ буданд, ва
насабномаҳошон аз бисту ду ҳазору сию чор нафар иборат буд.
[8] Ва писарони Бокар: Замиро ва Юош ва Элиозар ва Эльюэнай ва
Омрӣ ва Йиремӯт ва Абиё ва Анотӯт ва Оломат; ҳамаи инҳо писарони
Бокар буданд.
[9] Ва насабномаҳои онҳо, бар ҳасби авлодашон ва сардорони
хонаводаҳошон, аз бист ҳазору дусад нафар мардони ҷангӣ иборат
буд.
[10] Ва писари Едиойил: Билҳон; ва писарони Билҳон: Яуш ва
Биньёмин ва Эҳуд ва Канъоно ва Зейтон ва Таршиш ва Аҳишоҳар;
[11] Ҳамаи ин писарони Едиойил сардорони хонаводаҳо ва мардони
ҷангӣ буданд ва ҳафдаҳ ҳазору дусад нафар сарбоз дошта, ба ҷанг
мебаромаданд.
[12] Ва писарони Ир: Шуфим ва Ҳуфим; ва писари Аҳер: Ҳушим.
[13] Писарони Нафтолӣ: Яҳасиил ва Ҷунӣ ва Есар ва Шаллум, ки
писарони Билҳо буданд+.
[14] Писарони Менашше: Ашриил, ки варо завҷаи ӯ зоид, ва Мокир,
падари Ҷилъод, ки варо суррияи арамии ӯ зоид+.

15 Ва Мокир хоҳари Ҳуфим ва Шуфимро, ки Маако ном дошт, ба
занӣ гирифт; ва номи писари насли дуюм Салофҳод буд, ва Салофҳод
духтарон дошт+.
16 Ва Маако, зани Мокир, писар зоид, ва ӯро Фораш ном ниҳод, ва
номи бародараш Шораш буд, ва писарони ӯ Улом ва Роқам буданд.
17 Ва писари Улом: Бадон. Ҳаминҳоянд писарони Ҷилъод ибни
Мокир ибни Менашше.
18 Ва хоҳари ӯ Ҳамӯлокат Иш-Ҳӯд ва Абиозар ва Маҳлоро зоид.
19 Ва писарони Шамидоъ инҳо буданд: Аҳьён ва Шокам ва Лиқҳӣ ва
Аниом+.
20 Ва писарони Эфроим: Шутолаҳ, ва писараш Борад ва писараш
Таҳат ва писараш Элъодо ва писараш Таҳат;+
21 Ва писараш Зобод ва писараш Шутолаҳ, ва Озар ва Элъод; ва
мардуми Ҷат, ки дар ин замин таваллуд ёфтаанд, онҳоро куштанд,
зеро ки барои гирифтани чорвояшон фурӯд омада буданд.
22 Ва падари онҳо Эфроим рӯзҳои зиёде мотам гирифт, ва
бародаронаш барои тасаллӣ додани ӯ омаданд.
23 Ва ӯ назди зани худ даромад, ва вай ҳомила шуда, писаре зоид,
ва ӯро Барио ном ниҳод, зеро ки дар хонадонаш мусибат рӯй дода
буд.
24 Ва духтараш Шоара буд, ки Бет-Ҳӯрӯни поён ва болоро бино
кард, ва Узин-Шоарароро низ+.
25 Ва писараш Рофаҳ ва Рошаф ва писараш Толаҳ ва писараш Тоҳан;
26 Писараш Лаъдон, писараш Аммиҳуд, писараш Элишомоъ;+
27 Писараш Нун, писараш Еҳушаъ+.
28 Ва амлок ва масканҳошон: Байт-Ил ва деҳоташ, ва ба тарафи
шарқ — Наарон, ва ба тарафи ғарб — Ҷозар ва деҳоташ, ва Шакем ва
деҳоташ, то Айё ва деҳоташ.
29 Ва назди ҳудуди банӣ-Менашше: Байт-Шеон ва деҳоташ, Таънак
ва деҳоташ, Маҷиддӯ ва деҳоташ, Дӯр ва деҳоташ; дар ин ҷойҳо
писарони Юсуф ибни Исроил сукунат доштанд+.
30 Писарони Ошер: Йимно ва Йишво ва Йишвӣ ва Барио, ва
хоҳарашон Сораҳ+.
31 Ва писарони Барио: Ҳобар ва Малкиил, ки ӯ падари Бирзоит аст.
32 Ва Ҳобар Яфлит ва Шӯмир ва Ҳӯтом, ва хоҳарашон Шуоро ба
дуньё овард.

[33] Ва писарони Яфлит: Фосак ва Бимҳол ва Ашвот; инҳо писарони
Яфлит буданд.
[34] Ва писарони Шомар: Аҳӣ ва Роҳҷо ва Ҳуббо ва Аром.
[35] Ва писарони бародараш Ҳилам: Сӯфаҳ ва Йимноъ ва Шилаш ва
Омол.
[36] Писарони Сӯфаҳ: Суаҳ ва Ҳарнофар ва Шуол ва Бирӣ ва Йимро;
[37] Босар ва Ҳӯд ва Шаммо ва Шилшо ва Йитрон ва Баиро.
[38] Ва писарони Ётар: Ефунне ва Фисфо ва Аро.
[39] Ва писарони Улло: Ораҳ ва Ҳанниил ва Рисьё.
[40] Ҳамаи инҳо писарони Ошер, сардорони гузини хонаводаҳо,
мардони ҷангӣ, сарварони раисон буданд, ва шумораи онҳо дар
лашкар барои ҷанг, мувофиқи насабномаҳошон, бисту шаш ҳазор
нафар буд.

## Насли Биньёмин. Шоул.

**8** [1] Ва Биньёмин нахустзодаи худ Болаъро ба дуньё овард, ва
дуюмин — Ашбил, сеюмин — Аҳраҳ;
[2] Чорумин — Нуҳо ва панҷумин — Рофоро+.
[3] Ва писарони Болаъ инҳо буданд: Аддор ва Ҷеро ва Абиҳуд;
[4] Ва Абишуа ва Наамон ва Аҳӯаҳ,
[5] Ва Ҷеро ва Шафуфон ва Ҳуром.
[6] Ва инҳоянд писарони Эҳуд, ки сардорони хонаводаҳои сокинони
Ҷобаъ буданд, ва онҳоро ба Моноҳат кӯчониданд:
[7] Наамон ва Аҳиё ва Ҷеро, ки ӯ онҳоро кӯчонид; ва ӯ Уззо ва
Аҳиҳудро ба дуньё овард.
[8] Ва Шаҳароим дар кишвари Мӯоб, баъд аз фиристодани занони
худ Ҳушим ва Бааро, фарзандон ба дуньё овард.
[9] Ва аз зани худ Ҳудаш инҳоро ба дуньё овард: Юбоб ва Сивьё ва
Мишо ва Малком;
[10] Ва Еус ва Сохьё ва Мирмо; ҳаминҳоянд писарони ӯ, ки
сардорони хонаводаҳо буданд.
[11] Ва аз Ҳушим Абитуб ва Элфоалро ба дуньё овард.
[12] Ва писарони Элфоал: Эбар ва Мишъом, ва Шомад, ки вай Ӯнӯ ва
Лӯд ва деҳоташро бино кард;+
[13] Ва Барио ва Шомаъ, ки онҳо сардорони хонаводаҳои сокинони
Аёлӯн буданд; онҳо сокинони Ҷатро ба гурехтан водор карданд;
[14] Ва Аҳью, Шошоқ ва Йиремут;
[15] Ва Забадьё ва Арод ва Одар;
[16] Ва Микоил ва Йишфо ва Юҳо — писарони Барио.
[17] Ва Забадьё ва Машуллом ва Ҳизқӣ ва Ҳобар;
[18] Ва Йишмерай ва Йизмо ва Юбоб — писарони Элфоал.
[19] Ва Ёқим ва Зикрӣ ва Забдӣ;
[20] Ва Элиэнай ва Силтай ва Алиил;
[21] Ва Адоё ва Бароё ва Шимрот — писарони Шимъӣ.
[22] Ва Йишфон ва Эбар ва Алиил;
[23] Ва Абдӯн ва Зикрӣ ва Ҳонон;
[24] Ва Ҳананьё ва Элом ва Антӯтиё;
[25] Ва Йифдиё ва Фануил — писарони Шошоқ.
[26] Ва Шамшерай ва Шаҳарьё ва Атальё;

27 Ва Яарашьё ва Элиё ва Зикрӣ — писарони Ерӯҳом.
28 Онҳо сардорони хонаводаҳо, сарварони авлоди худ буданд; онҳо
дар Ерусалим сукунат доштанд.
29 •Ва дар Ҷибъӯн падари Ҷибъӯн сукунат дошт, ва номи занаш
Маако буд.
30 Ва писари нахустзодааш Абдӯн буд, ва сонӣ Сур ва Қиш ва Баал
ва Нодоб;
31 Ва Ҷадур ва Аҳью ва Зокар.
32 Ва Миқлӯт Шимъоро ба дунъё овард; ва онҳо низ, дар рӯ ба рӯи
бародаронашон, дар Ерусалим бо бародарони худ сокин буданд.

## Авлоди Шоул ва Йӯнотон.

33 Ва Нир Қишро ба дунъё овард, ва Қиш Шоулро ба дунъё овард, ва
Шоул Йӯнотон ва Малкӣ-Шуа ва Абинодоб ва Эшбоалро ба дунъё
овард+.
34 Ва писари Йӯнотон Мериб-Боал буд, ва Мериб-Боал Микоро ба
дунъё овард+.
35 Ва писарони Мико: Фитӯн ва Молак ва Таърна ва Оҳоз.
36 Ва Оҳоз Еҳӯаддоро ба дунъё овард, ва Еҳӯаддо Оломат ва Азмавт
ва Зимриро ба дунъё овард, ва Зимрӣ Мӯсоро ба дунъё овард.
37 Ва Мӯсо Бинъоро ба дунъё овард; писараш Рофо, писараш
Элъосо, писараш Осил.
38 Ва Осил шаш писар дошт, ва ин аст номҳои онҳо: Азриқом, Бухру
ва Исмоил ва Шаарьё ва Убадьё ва Ҳонон; ҳамаи инҳо писарони Осил
буданд.
39 Ва писарони бародараш Эшақ: нахустзодааш Улом, дуюмин —
Еуш ва сеюмин — Элифолат.
40 Ва писарони Улом мардони шуҷои ҷангӣ ва камондорон буданд,
ва писарону набераҳошон бисьёр — саду панҷоҳ нафар буданд; ҳамаи
инҳо аз банӣ-Биньёмин буданд.

## Дар бораи сокинони Ерусалим ва Ҷибъӯн.

9 1 •Ва тамоми Исроил мувофиқи насабномаҳои худ қайд карда
шуданд, ва инак онҳо дар китоби подшоҳони Исроил навишта
шудаанд; ва аҳли Яҳудо барои гуноҳҳошон ба Бобил ҷалои ватан
гардиданд+.
2 Ва касони аввалине ки дар шаҳрҳои худ дар амлокашон сокин
шуданд, исроилиён, коҳинон, левизодагон ва тобеон буданд+.
3 Ва дар Ерусалим баъзе аз банӣ-Яҳудо, ва аз банӣ-Биньёмин, ва аз
банӣ-Эфроим ва Менашше сукунат доштанд:
4 Утай ибни Аммиҳуд, ибни Омрӣ, ибни Имрӣ, ибни Бонӣ аз
писарони Форас ибни Яҳудо+.
5 Ва аз шилӯниён — нахустзода Асоё ва писаронаш.
6 Ва аз банӣ-Зораҳ — Яуил ва бародарони онҳо, шашсаду навад
нафар.
7 Ва аз банӣ-Биньёмин — Саллу ибни Машуллом, ибни Ҳӯдавьё,
ибни Ҳаснуо;
8 Ва Йибниё ибни Ерӯҳом ва Эло ибни Уззӣ, ибни Микрӣ, ва
Машуллом ибни Шафатьё, ибни Рауил, ибни Йибниё,
9 Ва бародарони онҳо, мувофиқи авлодашон, нӯҳсаду панҷоҳу шаш
нафар, — ҳамаи ин мардон сарварони хонаводаҳо дар хонадони
падарҳошон буданд.

## Дар бораи коҳинон.

10 Ва аз коҳинон Едаъё ва Еҳӯёриб ва Ёкин,
11 Ва Азарьё ибни Ҳилқиё, ибни Машуллом, ибни Содӯқ, ибни
Мароют, ибни Аҳитуб, раиси хонаи Худо;
12 Ва Адоё ибни Ерӯҳом, ибни Фашҳур, ибни Малкиё, ва Маъсай
ибни Адиил, ибни Яҳзиро, ибни Машуллом, ибни Машиллемит, ибни
Иммир;
13 Ва бародарони онҳо, сардорони хонаводаҳошон — ҳазору
ҳафтсаду шаст нафар, ки мардони далер дар масъалаи хизмати
хонаи Худо буданд.

## Дар бораи левизодагон.

14 Ва аз левизодагон: Шамаъё ибни Ҳашшуб, ибни Азриқом, ибни Ҳашабьё, аз банӣ-Марорӣ;

15 Ва Бақбаққар, Ҳораш ва Ҷолол, ва Маттаньё ибни Мико, ибни Зикрӣ, ибни Ософ;

16 Ва Убадьё ибни Шамаъё, ибни Ҷолол, ибни Едутун, ва Боракьё ибни Осо, ибни Элқоно, ки дар деҳоти натӯфотӣ сукунат дошт.

17 Ва дарбонон Шаллум ва Аққуб ва Талмӯн ва Аҳимон; ва бародарашон Шаллум сардор буд+.

18 Ва то алҳол онҳо назди дарвозаи шарқии подшоҳ, дарбонони бошишгоҳҳои хонадони Левӣ мебошанд.

19 Ва Шаллум ибни Қӯрӣ, ибни Эбьёсоф, ибни Қӯраҳ, ва бародаронаш аз хонадони падараш, яъне қӯраҳиён, ки мутасаддӣ бар масъалаи хизмат ва посбонони остонаҳои хайма буданд, ва падаронашон мутасаддӣ бар ӯрдуи Худованд ва посбонони даромадгоҳи он буданд.

20 Ва Финҳос ибни Элъозор пештар бар онҳо раис буд, ва Худованд бо ӯ буд+.

21 Закарьё ибни Машоламьё дарбони дарвозаи хаймаи ҷомеъ буд+.

22 Ҳамаи онҳое ки барои дарбонии назди остонаҳо интиҳоб шуда буданд, дусаду дувоздаҳ нафар буданд; онҳо дар насабномаҳо бар ҳасби деҳоти худ номбар шудаанд; онҳоро Довуд ва Самуили басир ба ин вазифа барои садоқаташон баргумошта буданд+.

23 Ва онҳо ва писаронашон бар дарвозаҳои хонаи Худованд ва хонаи хайма барои посбонӣ таъин шуда буданд.

24 Дарбон ба ҳар чор тараф: ба шарқ, ғарб, шимол ва ҷануб буданд.

25 Ва бародарони онҳо, ки дар деҳоти худ буданд, навбат ба навбат бо онҳо ба мӯҳлати ҳафт рӯз меомаданд+.

## Эътибори махсуси левизодагон.

26 Зеро он чор сардори дарбонон, ки левизодагон буданд, эътибори махсус доштанд, ва онҳо бар ҳуҷраҳо ва бар хазоини хонаи Худо баргумошта шуда буданд.

27 Ва дар гирду пеши хонаи Худо шаб ро мегузарониданд, зеро ки посбонӣ бар зиммаи онҳо буд, ва онҳо калиддор буда, мебоист ҳар субҳ дарҳоро мекушоданд+.

28 Ва баъзе аз онҳо бар колои ибодат таъин шуда буданд, чунки
онҳоро шумурда меоварданд, ва шумурда мебароварданд.
29 Ва баъзе аз онҳо бар коло, бар тамоми колои муқаддас, ва бар
орди маҳин ва шароб ва равған ва лебӯно ва атриёт таъин шуда
буданд.
30 Ва баъзе аз писарони коҳинон таркибҳои атриётро ба вуҷуд
меоварданд+.
31 Ва Маттитьё аз миёни левизодагон, ки ӯ нахустзодаи Шаллуми
қӯраҳӣ буд, бар кори ҳадияҳои рӯи тоба таъин шуда буд.
32 Ва баъзе аз бародарони онҳо, аз писарони қаҳотиён, бар нони
тақдим таъин шуда буданд, то ки онро барои ҳар рӯзи шанбе тайёр
кунанд+.
33 Ва муғанниён, сардорони хонаводаҳои левизодагон, дар ҳуҷраҳо
аз машғулияти дигар фориғ буданд, зеро ки рӯзу шаб бо кори худ
шуғл доштанд+.
34 Инҳо сардорони хонаводаҳои левизодагон буданд, ки сарварони
авлодашон буда, дар Ерусалим сукунат доштанд.

35 •Ва дар Ҷибъӯн падари Ҷибъӯн Яиил сукунат дошт, ва номи
занаш Маако буд.
36 Ва писари нахустзодааш Абдӯн буд, ва сонӣ Сур ва Қиш ва Боал
ва Нир ва Нодоб;
37 Ва Ҷадур ва Аҳью ва Закарьё ва Миқлӯт.
38 Ва Миқлӯт Шимъомро ба дуньё овард; ва онҳо низ, дар рӯ ба рӯи
бародаронашон, дар Ерусалим бо бародарони худ сокин буданд.
39 Ва Нир Қишро ба дуньё овард, ва Қиш Шоулро ба дуньё овард, ва
Шоул Йӯнотон ва Малкӣ-Шуа ва Абинодоб ва Эшбоалро ба дуньё
овард+.
40 Ва писари Йӯнотон Мериб-Боал буд, ва Мериб-Боал Микоро ба
дуньё овард.
41 Ва писарони Мико: Фитӯн ва Молак ва Таҳриа.
42 Ва Оҳоз Яъроро ба дуньё овард, ва Яъро Оломат ва Азмавт ва
Зимриро ба дуньё овард, ва Зимрӣ Мӯсоро ба дуньё овард.
43 Ва Мӯсо Бинъоро ба дуньё овард; ва писараш Рафоё, писараш
Элъосо, писараш Осил.

44 Ва Осил шаш писар дошт, ва ин аст номҳои онҳо: Азриқом, Бухру
ва Исмоил ва Шаарьё ва Убадьё ва Ҳонон; инҳо писарони Осил
буданд.

## Ҳалокати Шоул.

10 1 •Ва фалиштиён бо Исроил ҷанг мекарданд, ва мардуми
Исроил аз пеши фалиштиён гурехтанд, ва бар кӯҳи Ҷилбӯа
шаҳид шуда афтоданд+.
2 Ва фалиштиён ба Шоул ва писаронаш омада расиданд; ва
фалиштиён Йӯнотон ва Абинодоб ва Малкӣ-Шуа — писарони Шоулро
куштанд+.
3 Ва ҷанг бар зидди Шоул сахт шуд; ва сарбозоне ки тир аз камон
меандохтанд, ӯро ба зери тир гирифтанд, ва ӯ аз дасти тирандозон
захмӣ шуд.
4 Ва Шоул ба силоҳбардори худ гуфт: «Шамшери худро кашида,
маро бо он бизан, мабодо ин номахтунон омада, маро ба хорӣ
бикушанд». Вале силоҳбардораш нахост, зеро ки бағоят тарсид; ва
Шоул шамшери худро гирифта, бар он афтод+.
5 Ва силоҳбардораш дид, ки Шоул мурд, вай низ бар шамшери худ
афтода, мурд.
6 Ва Шоул ва се писараш мурданд, ва тамоми хонадонаш якҷоя
мурданд.
7 Ва тамоми мардуми Исроил, ки дар водӣ буданд, чун диданд, ки
исроилиён рӯ ба гурез овардаанд, ва Шоул ва писаронаш мурдаанд, —
шаҳрҳои худро партофта, гурехтанд; ва фалиштиён омада, дар онҳо
сокин шуданд.
8 Ва фардояш фалиштиён барои луч кардани шаҳидон омаданд, ва
Шоул ва писаронашро ёфтанд, ки бар кӯҳи Ҷилбӯа афтода буданд.
9 Ва ӯро луч карданд, ва сари ӯ ва аслиҳаи ӯро гирифтанд, ва ба
ҳар тарафи замини фалиштиён фиристоданд, то ки ба бутхонаҳои
худ ва ба қавм мужда диҳанд+.
10 Ва аслиҳаи ӯро дар хонаи худоёни худ гузоштанд, ва сари ӯро
дар хонаи Доҷӯн бо мех кӯфта монданд+.
11 Ва тамоми аҳли Ёбиш-Ҷилъод он чиро, ки фалиштиёи ба Шоул
карда буданд, шуниданд+.
12 Ва ҳамаи мардони далер бархоста, ҷасади Шоул ва ҷасадҳои
писаронашро бардоштанд, ва ба Ёбиш оварда, устухонҳои онҳоро

зери дарахти писта дар Ёбиш дафн карданд, ва ҳафт рӯз рӯза доштанд+.

## Маъсияти Шоул,

## ки аз боиси он аз подшоҳӣ маҳрум гардид.

13 Ва Шоул аз боиси маъсияти худ, ки пеши Худованд ба амал
овард, мурд, яъне аз боиси он ки каломи Худовандро риоя накард, ва
ба ҷодугар бо савол мурочиат намуд,+
14 Вале ба Худованд мурочиат нанамуд, ва Ӯ варо миронид, ва
салтанатро ба Довуд ибни Йисой гузаронид.

## Подшоҳ шудани Довуд.

11 [1] •Ва тамоми Исроил назди Довуд ба Ҳебрӯн ҷамъ омада,
гуфтанд: «Инак, мо устухон ва гӯшти ту ҳастем.
[2] Дирӯз ва парирӯз низ, вақте ки Шоул подшоҳ буд, ту Исроилро
берун мебурдӣ ва андарун меовардӣ; ва Худованд Худои ту ба ту
гуфта буд: „Ту қавми Ман Исроилро хоҳӣ чаронид, ва ту бар қавми
Ман Исроил раис хоҳӣ буд“»+.
[3] Ва ҳамаи пирони Исроил назди подшоҳ ба Ҳебрӯн омаданд, ва
Довуд бо онҳо дар Ҳебрӯн ба ҳузури Худованд аҳд баст, ва Довудро,
бар тибқи каломи Худованд, ки ба воситаи Самуил гуфта буд, ба
подшоҳӣ бар Исроил тадҳин карданд+.

## Ерусалим — пойтахти мамлакати муттаҳида.

[4] Ва Довуд ва тамоми Исроил ба Ерусалим, ки Ябус бошад,
рафтанд; ва дар он ҷо ябусиён сокинони ин замин буданд+.
[5] Ва сокинони Ябус ба Довуд гуфтанд: «Ту ба ин ҷо дохил нахоҳӣ
шуд!» Ва Довуд қалъаи Сионро, ки шаҳри Довуд бошад, забт кард.
[6] Ва Довуд гуфт: «Ҳар кӣ ябусиёнро аввал зарба занад, вай раис ва
сардор хоҳад шуд». Ва Юоб ибни Саруё аввал баромад, ва раис шуд+.
[7] Ва Довуд дар қалъа сокин шуд, бинобар ин онро шаҳри Довуд
номиданд.
[8] Ва ӯ шаҳрро аз гирду пешаш, аз Миллӯ гирифта то гирдогирди он
бино кард; ва Юоб бақияи шаҳрро обод намуд+.
[9] Ва Довуд торафт бештар комьёб ва бузург мегардид, ва
Худованди лашкарҳо бо ӯ буд+.

## Ҳамсафони Довуд.

[10] •Ва инҳоянд сарварони паҳлавоне ки Довуд дошт, ки онҳо ӯро
бо тамоми Исроил дар салтанаташ тақвият доданд, то ки ӯро, бар
тибқи каломи Худованд, бар Исроил подшоҳ гардонанд.
[11] Ва ин аст номгӯи паҳлавононе ки Довуд дошт: Ёшобъом ибни
Ҳакмӯнӣ, сардори сегона; ӯ боре найзаи худро бар сесад кас
бардошта, ҳамаашонро якбора кушта буд.
[12] Ва баъд аз ӯ Элъозор ибни Дӯдӯи аҳӯҳӣ; яке аз он се паҳлавон
буд.

13 Ӯ бо Довуд дар Фас-Дамим буд, ва фалиштиён дар он ҷо барои
ҷанг ҷамъ шуда буданд, ва қитъаи киштзор пур аз ҷав буд, ва қавм аз
пеши фалиштиён рӯ ба гурез оварданд.
14 Ва онҳо дар миёнаи он қитъаи киштзор истода, онро муҳофизат
карданд, ба фалиштиён шикаст расониданд, ва Худованд ғалабаи
бузурге ба амал овард.
15 Ва се нафар аз он сӣ сардор ба сахра назди Довуд ба мағораи
Адулом фурӯд омаданд, дар сурате ки фалиштиён дар водии Рафоим
ӯрду зада буданд+.
16 Ва Довуд он вақт дар қалъа буд; ва дастаи фалиштиён он вақт
дар Байт-Лаҳм буданд.
17 Ва Довуд изҳори орзу намуда, гуфт: «Кошки касе маро аз чоҳе ки
назди дарвозаи Байт-Лаҳм аст, об бинӯшонад!»
18 Ва ин се нафар ӯрдугоҳи фалиштиёнро рахна карда, аз чоҳе ки
назди дарвозаи Байт-Лаҳм аст, об кашиданд, ва онро бардошта, назди
Довуд оварданд; вале ӯ нахост, ки онро бинӯшад, ва онро ҳамчун
ҳадияи рехтанӣ барои Худованд рехт,+
19 Ва гуфт: «Ҳошо аз тарси Худоям, ки ман чунин амал намоям! Оё
хуни ин касонро бинӯшам, ки ҷони худро дар хатар гузоштаанд?»
Зеро ки ҷони худро дар ҳатар гузошта оварда буданд, ва ӯ нахост, ки
онро бинӯшад. Чунин аст коре ки ин се паҳлавон кардаанд.
20 Ва Абшай, бародари Юоб, сардори се нафар буд, ва ӯ боре найзаи
худро бар сесад кас бардошта, ҳамаашонро кушта буд, ва ӯ дар миёни
се нафар номдор буд+.
21 Дар миёни ин се нафар ӯ аз ду нафар мукаррамтар буда,
сардори онҳо гардида буд, вале ба дараҷаи он се нафар нарасида буд.
22 Баноё ибни Еҳӯёдоъ, писари марди далери қабсаилӣ, ки корҳои
бузурге карда буд; ӯ ду паҳлавони мӯобиро кушта буд, ва ӯ фурӯд
омада, шерро андаруни чоҳ дар рӯзи барф кушта буд+.
23 Ва ӯ марди мисрии бузургҷуссаро, ки қоматаш панҷ зироъ буд,
кушта буд, дар сурате ки дар дасти он мисрӣ найзае мисли наварди
молбофӣ буд, ва ӯ бо таёқе назди вай фурӯд омада, найзаро аз дасти
мисрӣ рабуд, ва варо бо найзаи худаш кушт+.
24 Чунин аст корҳое ки Баноё ибни Еҳӯёдоъ карда буд, ва ӯ дар
миёни он се паҳлавон номдор буд.

[25] Аз сӣ нафар ӯ мукаррамтарин буд, вале ба дараҷаи он се нафар
нарасида буд; ва Довуд ӯро бар гурӯҳи посбонони шахсии худ таъин
намуд.
[26] Ва сарбозони паҳлавон: Асоил, бародари Юоб; Элҳонон ибни
Дӯдӯ аз Байт-Лаҳм;+
[27] Шаммӯти ҳарӯрӣ, Ҳиласи фалунӣ;
[28] Иро ибни Иққеши тақӯӣ; Абиозари антӯтӣ;
[29] Сибкаи ҳушотӣ; Илаи аҳӯҳӣ;
[30] Маҳраи натуфотӣ; Ҳилад ибни Баанои натуфотӣ;
[31] Итай ибни Рибай аз Ҷибъои банӣ-Биньёмин; Баноёи фиръотунӣ;
[32] Ҳурай аз мулки Ҷоаш; Абиили арботӣ;
[33] Азмавти баҳарумӣ; Эльяҳбои шаалбӯнӣ;
[34] Аз писарони Ҳошими ҷизӯнӣ: Йӯнотон ибни Шоҷии ҳарорӣ.
[35] Аҳиом ибни Сокори ҳарорӣ; Элифал ибни Ур;
[36] Ҳифари макиротӣ, Аҳиёи фалунӣ;
[37] Ҳасрои кармилӣ; Наарай ибни Эзбой;
[38] Юил, бародари Нотон; Мибҳор ибни Ҳаҷрӣ;
[39] Солақи аммӯнӣ; Наҳраи бирӯтӣ, ки силоҳбардори Юоб ибни
Саруё буд;
[40] Ирои йитрӣ; Ҷориби йитрӣ;
[41] Уриёи ҳиттӣ; Зобод ибни Аҳлой;+
[42] Адино ибни Шизои реубенӣ, ки сардори реубениён буд, ва сӣ
сарбоз дошт;
[43] Ҳонон ибни Маако; Йӯшофоти митнӣ;
[44] Уззиёи аштиротӣ; Шомоъ ва Яиил, писарони Ҳӯтоми арӯэрӣ;
[45] Ядиаил ибни Шимрӣ ва бародараш Юҳои тисӣ;
[46] Алиил аз Маҳавим; Ерибай ва Юшавьё, писарони Элноам;
Йитмои мӯобӣ;
[47] Алиил, Ӯбид ва Ясиил аз Масӯбоё.

## Ҷанговарон назди Довуд дар Сиқлоҷ ҷамъ мешаванд.

**12** [1] Ва инҳоянд касоне ки назди Довуд ба Сиқлоҷ омаданд,
вақте ки ӯ ҳанӯз аз дасти Шоул ибни Қиш гуреза буд; ва онҳо
дар миёни паҳлавононе буданд, ки дар ҷанги ӯ мадад
мерасониданд+.
[2] Бо камон мусаллаҳ буданд, сангҳо ва тирҳои камонро бо дасти
рост ва чап меандохтанд, аз бародарони Шоул, аз Биньёмин буданд:+
[3] Сардорашон Аҳиозар буд, ва баъд аз ӯ Юош, писарони Ҳашмоои
ҷибъотӣ; ва Язиил ва Фолат, писарони Азмавт; ва Бароко ва Еҳуи
антӯтӣ;
[4] Ва Ишмаъёи ҷибъӯнӣ, ки паҳлавони сазовори он сӣ нафар буд ва
аз он сӣ нафар бартарӣ дошт; ва Ирмиё ва Яҳазиил ва Йӯҳонон, ва
Йӯзободи ҷадиротӣ;
[5] Элъузай ва Еримӯт ва Баальё ва Шамарьёҳу, ва Шафатьёҳуи
ҳаруфӣ;
[6] Элқоно ва Йишиёҳу ва Азаръил ва Юозар ва Ёшобъом, ки аз
қӯраҳиён буданд;
[7] Ва Юило ва Забадьё, ки писарони Ерӯҳом аз Ҷадур буданд;
[8] Ва аз ҷодиён паҳлавонони ҷасур, сарбозони ҷангозмуда, ки бо
сипар ва найза мусаллаҳ буданд, ба тарафи Довуд ба истеҳкомоти
биёбон гузаштанд; рӯйҳошон мисли рӯи шер буд, ва мисли ғизолони
кӯҳӣ тезрав буданд+.
[9] Эзар сардорашон буд, Убадьё — дуюм, Элиоб — сеюм,
[10] Мишманно — чорум, Ирмиё — панҷум,
[11] Аттай — шашум, Алиил — ҳафтум,
[12] Йӯҳонон — ҳаштум, Элзобод — нӯҳум,
[13] Ирмиёҳу — даҳум, Макбаннай — ёздаҳум.
[14] Инҳо аз банӣ-Ҷод сардорони лашкар буданд, ки хурдтарашон
баробари сад нафар ва калонтарашон баробари ҳазор нафар буд.
[15] Ҳаминҳо буданд, ки дар моҳи якум аз Урдун убур карданд,
вақте ки обҳояш дамида, аз соҳилҳояш баромада буд, ва тамоми
аҳолии водиҳоро ба тарафи шарқ ва ғарб гурезониданд+.
[16] Ва аз банӣ-Биньёмин ва Яҳудо ба он истеҳкомот назди Довуд
омаданд.

17 Ва Довуд ба истиқболи онҳо берун омад, ва ба онҳо сухан ронда,
гуфт: «Агар бо сулҳу осоиштагӣ назди ман омада бошед, то ки ба ман
мадад расонед, дили ман бо шумо як хоҳад буд; вале агар барои он
омада бошед, ки маро фиреб дода, ба душманонам бисупоред, дар
сурате ки ҳеҷ ситаме дар дасти ман нест, пас бигзор Худои падарони
мо инро бубинад ва доварӣ намояд».
18 Ва рӯҳе Амосайро, ки сардори фармондеҳон буд, фаро гирифта,
ӯ гуфт:
«Аз они ту ҳастем, эй Довуд!
Ва бо ту хоҳем буд, эй писари Йисой!
Саломатӣ, саломатӣ бар ту бод,
ва саломатӣ бар ёварони ту бод,
зеро ки Худои ту мададгори туст».
Ва Довуд онҳоро қабул карда, дар миёни сардорони фавҷи худ
гузошт.
19 Ва баъзе аз сибти Менашше ба Довуд ҳамроҳ шуданд, вақте ки ӯ
бо фалиштиён ба мукобили Шоул ба ҷанг мерафт, вале ба онҳо мадад
нарасониданд, зеро ки мирони фалиштиён баъди машварат намудан
ӯро фиристода, гуфтанд: «Вай бо каллаҳои мо ба оғои худ Шоул
ҳамроҳ ҳоҳад шуд»+.
20 Вақте ки ӯ ба Сиқлоҷ мерафт, инҳо аз Менашше ба ӯ ҳамроҳ
шуданд: Аднаҳ ва Юзобод ва Едиаил ва Микоил ва Юзобод ва Элиҳу ва
Силтой, ки мириҳазорони Менашше буданд.
21 Ва онҳо ба Довуд ба муқобили фавҷи душманон мадад
расониданд, зеро ки ҳамаашон ҷанговарони далер буданд, ва
сарварони лашкар гардиданд.
22 Ҳамин тавр рӯз ба рӯз мардум назди Довуд меомаданд, то ки ба
ӯ мадад расонанд, то ба дараҷае ки ӯрдугоҳи ӯ мисли ӯрдугоҳи Худо
бузург шуд.
23 Ва ин аст шумораи сардорони пешоҳанги лашкар, ки назди
Довуд ба Ҳебрӯн омаданд, то ки салтанатро, бар тибқи амри
Худованд, аз Шоул ба ӯ бигзаронанд+.
24 Банӣ-Яҳудо, ки сипар ва найза доштанд, — шаш ҳазору ҳаштсад
нафар пешоҳангони лашкар.
25 Аз банӣ-Шимъӯн, ки ҷанговарони далери лашкар буданд, —
ҳафт ҳазору сад нафар.

[26] Аз банӣ-Левӣ — чор ҳазору шашсад нафар.
[27] Ва Еҳӯёдоъ, ки раиси хонадони Ҳорун буд, ва бо ӯ — се ҳазору
ҳафтсад нафар.
[28] Ва Содӯқ, ки ҷавони ҷанговари далер буд, ва хонадони падараш
— бисту ду нафар сардорон+.
[29] Ва аз банӣ-Биньёмин, бародарони Шоул, — се ҳазор нафар; вале
то он вақт бисьёре аз онҳо хизмати хонадони Шоулро ба ҷо
меоварданд.
[30] Ва аз банӣ-Эфроим — бист ҳазору ҳаштсад нафар, ки
ҷанговарони далер ва дар хонадони падарони худ номдор буданд.
[31] Ва аз нисфи хонадони Менашше — ҳаждаҳ ҳазор нафар, ки ном
ба ном хонда шуданд, то ки рафта Довудро подшоҳ созанд.
[32] Ва аз банӣ-Иссокор — касоне ки аз гардиши рӯзгор огоҳ буда,
медонистанд, ки Исроил чӣ корҳо бояд бикунад; сардоронашон дусад
нафар буданд, ва ҳамаи бародаронашон мувофиқи фармони онҳо
амал мекарданд.
[33] Аз Забулун — панҷоҳ ҳазор нафар мардоне ки метавонистанд бо
лашкар берун оянд, ба воситаи ҳар навъ колои ҳарбӣ ҷанг кунанд, ва
якдилона мадад расонанд.
[34] Ва аз Нафтолӣ — ҳазор нафар сардорон, ва бо онҳо сию ҳафт
ҳазор нафар бо сипар ва найза.
[35] Ва аз Дон — бисту ҳашт ҳазору шашсад нафар ҷанговарон.
[36] Ва аз Ошер — чил ҳазор нафар ҷанговарон, ки метавонистанд бо
лашкар берун оянд.
[37] Ва аз он тарафи Урдун, аз Реубен ва Ҷод ва нисфи сибти
Менашше, — саду бист ҳазор нафар, ки метавонистанд ба воситаи ҳар
навъ колои ҳарбӣ ҷанг кунанд.
[38] Ҳамаи ин мардони ҷангӣ, ки метавонистанд барои ҷанг сардорӣ
кунанд, бо дили комил ба Ҳебрӯн омаданд, то ки Довудро бар
тамоми Исроил подшоҳ созанд; ва тамоми бақияи Исроил низ
якдилона хоҳони он буданд, ки Довудро подшоҳ созанд.
[39] Ва дар он ҷо се рӯз бо Довуд буда, хӯрданд ва нӯшиданд, зеро ки
бародаронашон барои онҳо муҳайё карда буданд.
[40] Ва касоне низ, ки ба онҳо наздик буданд, — то ҳадди Иссокор,
Забулун ва Нафтолӣ, — бар харон ва шутурон ва хачирон ва
барзаговон нон ва хӯрокворӣ: орд, қурсҳои анҷирқоқ ва мавиз, ва

шароб ва равған, ва говон ва гӯсфандон ба фаровонӣ оварданд, зеро ки дар Исроил шодмонӣ буд.

## Ибтидои нек — анҷоми бад.

13 [1] •Ва Довуд бо мириҳазорҳо ва мирисадҳо, бо ҳамаи раисон
машварат кард.
[2] Ва Довуд ба тамоми ҷамоати Исроил гуфт: «Агар шумо салоҳ
бинед, ва агар ин аз ҷониби Худованд Худои мо бошад, ба ҳар тараф
назди бародарони худ, ки дар ҳамаи заминҳои Исроил боқӣ
мондаанд, ва бо онҳо ба коҳинон ва левизодагоне ки дар шаҳрҳои худ
ва ҳаволии онҳо мебошанд, бифиристем, то ки онҳо назди мо ҷамъ
шаванд;
[3] Ва сандуқи Худои моро назди худ бикӯчонем, зеро ки дар айёми
Шоул мо ба он муроҷиат накардаем».
[4] Ва тамоми ҷамоат гуфтанд, ки «чунин бикунем», зеро ки ин кор
ба назари тамоми қавм писанд омад.
[5] Ва Довуд тамоми Исроилро аз Шиҳӯри Миср то даромадгоҳи
Ҳамот ҷамъ кард, то ки сандуқи Худоро аз Қирьят-Еорим биёранд.
[6] Ва Довуд ва тамоми Исроил ба Баало, яъне ба Қирьят-Еорим, ки
дар Яҳудо мебошад, баромаданд, то ки сандуқи Худованд Худоро, ки
Ӯ бар каррубиён нишастааст, ва исми Ӯ бар он хонда мешавад, аз он
ҷо биёранд+.
[7] Ва сандуқи Худоро бар аробаи нав гузошта, аз хонаи Абинодоб
бароварданд, ва Уззо ва Аҳъю аробаро меронданд.
[8] Ва Довуд ва тамоми Исроил бо суруд ва барбат ва уд ва даф ва
санҷ ва карнай ба ҳузури Худованд бо тамоми қувват бозӣ
мекарданд.

## Сандуқро дар хонаи Убайд-Адӯм монданд.

[9] Ва ҳангоме ки ба хирмангоҳи Кидӯн расиданд, Уззо дасташро ба
сандуқ дароз карда, онро нигоҳ дошт, зеро ки говон онро яктарафа
гардонида, моил ба афтодан карда буданд+.
[10] Ва хашми Худованд бар Уззо аланга зада, ӯро барои он ки
дасташро ба сандуқ дароз карда буд, зарба зад; ва ӯ дар он ҷо ба
ҳузури Худо мурд.
[11] Ва Довуд ғамгин шуд, ки Худованд Уззоро зарба зад; ва он макон
то имрӯз Форас-Уззо номида мешавад.

12 Ва Довуд дар он рӯз аз Худованд тарсида, гуфт: «Сандуқи Худоро
назди худ чӣ гуна биёрам?»
13 Ва Довуд сандуқро назди худ ба шаҳри Довуд набурд, ва онро ба
хонаи Убайд-Адӯми ҷаттӣ равона кард.
14 Ва сандуқи Худо бо хонадони Убайд-Адӯм дар хонаи вай се моҳ
монд, ва Худованд хонадони Убайд-Адӯм ва тамоми дороии варо
баракат дод+.

## Иқтидор ва сарвати подшоҳ Довуд.

14 [1] •Ва Ҳиром, подшоҳи Сӯр, назди Довуд қосидон, ва
дарахтони арз, ва сангтарошон ва наҷҷоронро фиристод, то ки
барои ӯ хона бино кунанд+.
[2] Ва Довуд дарк намуд, ки Худованд ӯро ба подшоҳӣ бар Исроил
устувор гардонидааст, ва салтанати ӯро ба хотири қавми Худ Исроил
баланд бардоштааст.
[3] Ва Довуд боз дар Ерусалим занон гирифт, ва Довуд боз писарон
ва духтарон ба дунъё овард.
[4] Ва ин аст номҳои онҳое ки дар Ерусалим барои ӯ таваллуд
ёфтанд: Шаммуа ва Шубоб, ва Нотон ва Сулаймон,+
[5] Ва Йибҳор ва Элишуа ва Элфолат,
[6] Ва Нӯҷа ва Нофаҷ ва Ёфиа,
[7] Ва Элишомоъ ва Бааальёдоъ ва Элифолат.

[8] •Ва чун фалиштиён шуниданд, ки Довудро ба подшоҳӣ бар
Исроил тадҳин намудаанд, ҳамаи фалиштиён баромаданд, то ки
Довудро биҷӯянд; ва Довуд инро шунида, пеши онҳо берун омад.
[9] Ва фалиштиён омада, дар водии Рафоим ҷойгир шуданд+.
[10] Ва Довуд аз Худо пурсон карда, гуфт: «Оё ба муқобили
фалиштиён бароям, ва оё онҳоро ба дасти ман хоҳӣ супурд?» Ва
Худованд ба ӯ гуфт: «Баро, ва онҳоро ба дастат хоҳам супурд».
[11] Ва онҳо ба Баал-Фаросим баромаданд, ва дар он ҷо Довуд ба
онҳо шикаст расонид, ва Довуд гуфт: «Худо душманонамро бо дасти
ман маҳв намуд, чунон ки селоб маҳв менамояд». Бинобар ин, номи
он макон Баал-Фаросим хонда шудааст+.
[12] Ва худоёни худро дар он ҷо партофта рафтанд; ва Довуд амр
фармуд, ва онҳо ба оташ сӯзонида шуданд.
[13] Ва бори дигар фалиштиён дар он водӣ ҷойгир шуданд.
[14] Ва Довуд боз аз Худо пурсон кард, ва Худо ба ӯ гуфт: «Аз
пешашон набаро, балки аз ақибашон давр зада, аз ҷониби дарахтони
тут ба онҳо наздик шав,
[15] Ва ҳамин ки акси садои қадамҳоро аз сари дарахтони тут
бишнавӣ, дарҳол ба ҷанг баро, зеро ки он вақт Худо пешопеши ту
берун хоҳад омад, то ки ба ӯрдуи фалиштиён шикаст расонад»+.

16 Ва Довуд онҷунон, ки Худо ба ӯ амр фармуд, амал намуд, ва ба
ӯрдуи фалиштиён аз Ҷибъӯн то Ҷозро шикаст расониданд.
17 Ва номи Довуд дар ҳамаи кишварҳо шӯҳрат ёфт, ва Худованд
тарси ӯро бар ҳамаи халқҳо паҳн кард+.

## Довуд дар бораи кӯчонидани сандуқ фармон медиҳад.

**15** [1] Ва ӯ барои худ хонаҳо дар шаҳри Довуд сохт, ва барои
сандуқи Худо маконе тайёр кард, ва хаймае барои он барпо
намуд.
[2] Он гоҳ Довуд гуфт, ки ғайр аз левизодагон касе сандуқи Худоро
набардорад, зеро Худованд онҳоро баргузидааст, то ки сандуқи
Худоро бардоранд, ва хизмати онро ба сурати абадӣ ба ҷо оваранд.
[3] Ва Довуд тамоми Исроилро дар Ерусалим ҷамъ кард, то ки
сандуқи Худовандро ба маконе ки барои он тайёр карда буд,
бароранд.
[4] Ва Довуд писарони Ҳорун ва левизодагонро ҷамъ кард:+
[5] Аз банӣ-Қаҳот — Уриили сардор ва саду бист нафар
бародаронашро;
[6] Аз банӣ-Марорӣ — Асоёи сардор ва дусаду бист нафар
бародаронашро;
[7] Аз банӣ-Ҷершӯн — Юили сардор ва саду сӣ нафар
бародаронашро;
[8] Аз банӣ-Элисофон — Шамаъёи сардор ва дусад нафар
бародаронашро;
[9] Аз банӣ Ҳебрӯн — Алиили сардор ва ҳаштод нафар
бародаронашро;
[10] Аз банӣ-Узиил — Аминодоби сардор ва саду дувоздаҳ нафар
бародаронашро.
[11] Ва Довуд коҳинон Содӯқ ва Абьётор ва левизодагон Уриил, Асоё
ва Юил, Шамаъё ва Алиил ва Аминодобро даъват намуда,+
[12] Ба онҳо гуфт: «Шумо сардорони хонаводаҳои левизодагон
ҳастед, пас шумо ва бародарони шумо худро тақдис намоед, ва
сандуқи Худованд Худои Исроилро ба маконе ки барояш тайёр
кардаам, бардошта биёред,
[13] Зеро, азбаски бори аввал шумо онро набардоштед, Худованд
Худои мо моро зарба зад, чунки онро бар тибқи қонун толиб
нашудем»+.
[14] Ва коҳинон ва левизодагон худро тақдис карданд, то ки сандуқи
Худованд Худои Исроилро бардошта биёранд.

15 Ва писарони левизодагон ончунон, ки Мусо бар тибқи каломи
Худованд амр фармуда буд, дастакҳои сандуқи Худоро бар китфҳои
худ гузошта, онро бардоштанд+.
16 Ва Довуд ба сардорони левизодагон амр фармуд, ки бародарони
муғаннии худро бо асбоби мусиқӣ: бо удҳо ва барбатҳо ва санҷҳо
таъин намоянд, то ки онҳо бо овози баланд суруд хонда, мардумро ба
ваҷд оваранд+.
17 Ва левизодагон Ҳеймон ибни Юил, ва аз бародарони вай — Ософ
ибни Боракьёҳу, ва аз бародарони онҳо, аз банӣ-Марорӣ, Эйтон ибни
Қушоёҳуро таъин карданд;+
18 Ва бо онҳо бародарони дараҷаи дуюми онҳо: Закарьёҳу ва Бен ва
Язиил ва Шамиромӯт ва Яҳиил ва Уннӣ ва Элиоб ва Баноёҳу ва
Маасиёҳу ва Маттитьёҳу ва Элифалиҳу ва Миқниёҳу ва Убайд-Адӯм
ва Яиилро, ки дарбон буданд;
19 Ва муғанниён: Ҳеймон ва Ософ ва Эйтонро бо санҷҳои мисин, то
ки бизананд;+
20 Ва Закарьё ва Азиил ва Шамиромӯт ва Яҳиил ва Уннӣ ва Элиоб
ва Маасиёҳу ва Баноёҳуро бо удҳо бар сози аломӯт;
21 Ва Маттитьёҳу ва Элифалиҳу ва Миқниёҳу ва Убайд-Адӯм ва
Яиил ва Азазьёҳуро бо барбатҳо бар сози ҳашттор, то ки якканавозӣ
кунанд.
22 Ва Кананьёҳу сардори левизодагон дар сурудгӯӣ буд, ва ба
муғанниён роҳбарӣ мекард, чунки дар ин кор маҳорат дошт.
23 Ва Боракьё ва Элқоно дарбонони назди сандуқ буданд.
24 Ва Шабаньёҳу ва Йӯшофот ва Натанъил ва Амосай ва Закарьёҳу
ва Баноёҳу ва Элиозар, ки коҳин буданд, пеши сандуқи Худо карнай
менавохтанд. Ва Убайд-Адӯм ва Яҳиё дарбонони назди сандуқ
буданд+.

## Сандуқ ба шаҳри Довуд оварда шуд.

25 •Ва Довуд ва пирони Исроил ва мириҳазорон рафтанд, то ки
сандуқи аҳди Худовандро аз хонаи Убайд-Адӯм бо шодмонӣ
бардошта биёранд.
26 Ва чун Худо ба левизодагони бардорандаи сандуқи аҳди
Худованд мададгор шуд, ҳафт наргов ва ҳафт қӯчқорро қурбонӣ

карданд+.
27 Ва Довуд либосе аз катони нозук пӯшида буд, ва ҳамчунин
ҳамаи левизодагони бардорандаи сандуқ, ва муғанниён, ва Кананьё,
ки ба сурудгӯии муғанниён сардорӣ мекард. Ва Довуд эфӯди катон
дар бар дошт.
28 Ва тамоми Исроил сандуқи аҳди Худовандро бо нидоҳои шодӣ
ва садоҳои шох, карнай ва санҷҳо бардошта мебурданд, ва уд ва
барбат менавохтанд.
29 Ва ҳангоме ки сандуқи аҳди Худованд ба шаҳри Довуд дохил
мешуд, Микал бинти Шоул аз тиреза нигоҳ карда, подшоҳ Довудро
дид, ки рақсу бозӣ мекунад, дар дили худ аз ӯ нафрат намуд+.

## Ибодати ботантана.

## Довуд мутрибонро пеши сандуқ таъин мекунад.

**16** [1] Ва сандуқи Худоро оварда, онро андаруни хаймае ки Довуд
барои он барпо карда буд, гузоштанд, ва қурбониҳои сӯхтанӣ ва
қурбониҳои саломатӣ ба ҳузури Худо тақдим карданд+.

[2] Ва Довуд тақдим кардани қурбониҳои сӯхтанӣ ва қурбониҳои
саломатиро ба анҷом расонида, қавмро ба исми Худованд баракат
дод.

[3] Ва ба тамоми мардуми Исроил, аз мард то зан, ба ҳар кас якто
нон, як порча гӯшт ва як кулчаи мавизӣ тақсим карда дод.

[4] Ва баъзе аз левизодагонро пеши сандуқи Худованд барои
хизматгузорӣ таъин кард, то ки Худованд Худои Исроилро зикр
намоянд ва ҳамд гӯянд ва мадҳ кунанд:+

[5] Ософ — сардор, ва баъд аз ӯ дуюмин — Закарьё, ва Яиил ва
Шамиромӯт ва Яҳиил ва Маттитьё ва Элиоб ва Баноёҳу ва Убайд-
Адӯм ва Яиил — бо асбоби уд ва барбатҳо, ва Ософ барои навохтани
санҷҳо,+

[6] Ва коҳинон Баноёҳу ва Яҳазиил, ки доимо пеши сандуқи аҳди
Худованд карнай менавохтанд.

## Таронаи шукронаи Довуд.

[7] •Дар ҳамон рӯз Довуд бори аввал ба Ософ ва бародаронаш амр
фармуд, ки Худовандро ҳамд гӯянд.

[8] «Худовандро ҳамд гӯед, исми Ӯро бихонед,
корҳои Ӯро дар миёни қавмҳо шӯҳрат диҳед!+
[9] Дар шаъни Ӯ суруд гӯед, дар шаъни Ӯ бинавозед,
ҳамаи корҳои аҷоиби Ӯро ҳикоят кунед!+
[10] Бо исми муқаддаси Ӯ фахр намоед,
бигзор дили толибони Худованд шод гардад!
[11] Худованд ва қудрати Ӯро толиб бошед,
рӯи Ӯро ҳамеша биҷӯед!+
[12] Корҳои аҷоиберо, ки Ӯ кардааст, ба ёд оваред,
мӯъҷизоти Ӯ ва довариҳои даҳони Ӯро,+
[13] Эй насли бандаи Ӯ Исроил,

эй писарони Яъқуби баргузидаи Ӯ!
14 Ӯ Худованд Худои мост,
довариҳои Ӯ бар тамоми замин аст+.
15 Аҳди Ӯро то абад ба ёд оваред,
каломеро, ки Ӯ барои ҳазор насл амр фармуд,+
16 Он аҳдро, ки бо Иброҳим баст,
ва он қасамро, ки барои Исҳоқ ёд кард,+
17 Ва онро барои Яъқуб қонун гардонид,
барои Исроил — аҳди ҷовидонӣ,
18 Яъне гуфт: „замини Канъонро ба ту хоҳам дод,
то ки ҳиссаи мероси шумо гардад,“ —+
19 Дар сурате ки шумо мардуми камшумор будед,
ба миқдори каме дар он ҷо ғариб будед+.
20 Ва онҳо аз халқе ба халқе овора шуда мегаштанд,
ва аз як мамлакат ба қавми дигар.
21 Аммо Ӯ нагузошт, ки касе онҳоро ба танг оварад,
ва подшоҳонро аз барои онҳо ҷазо дод:+
22 „Ба масеҳони Ман даст нарасонед,
ва ба анбиёи Ман бадӣ накунед!“+
23 Дар шаъни Худованд суруд гӯед, эй тамоми аҳли замин!
Наҷоти Ӯро рӯз ба рӯз башорат диҳед!
24 Ҷалоли Ӯро дар миёни халқҳо баён намоед,
ва корҳои аҷоиби Ӯро дар миёни ҳамаи қавмҳо!+
25 Зеро ки Худованд бузург аст ва бениҳоят мамдӯҳ,
ва Ӯ саҳмгин аст бар ҳамаи худоён+.
26 Зеро ки ҳамаи худоёни қавмҳо бутҳоянд,
вале Худованд осмонро офаридааст+.
27 Шукӯҳ ва шавкат ба ҳузури Ӯст,
қувват ва шодмонӣ дар макони Ӯст.
28 Худовандро васф гӯед, эй қабилаҳои қавмҳо,
дар шаъни Худованд васфи ҷалол ва қувватро гӯед!+
29 Дар шаъни Худованд васфи ҷалоли исми Ӯро гӯед,
ҳадия биёред ва ба ҳузури Ӯ биёед,
ба Худованд дар шавкати қудсият саҷда баред!
30 Пеши Ӯ биларзед, эй тамоми аҳли замин;
дуньё низ устувор шудааст, фурӯ нахоҳад ғалтид.

31 Бигзор осмон хурсандӣ кунад, ва замин ба ваҷд ояд,
ва халқҳо гӯянд: „Худованд подшоҳӣ мекунад“+.
32 Бигзор баҳр ва ҳар чи дар он аст, хурӯш бардорад,
саҳро ва ҳар чи дар он аст, шод гардад+.
33 Он гоҳ дарахтони ҷангал ба ҳузури Худованд тараннум хоҳанд
кард,
зеро ки Ӯ меояд, то ки заминро доварӣ намояд+.
34 Худовандро ҳамд гӯед, зеро ки некӯст,
зеро ки эҳсони Ӯ то абад аст!+
35 Ва бигӯед: „Моро наҷот деҳ, эй Худои наҷоти мо,
ва моро ҷамъ намо, ва моро аз миёни халқҳо раҳоӣ бидеҳ,
то ки исми қуддуси Туро ҳамд гӯем,
аз ҷалоли Ту фахр намоем.
36 Муборак аст Худованд Худои Исроил,
аз азал то абад!“»
Ва тамоми қавм гуфтанд: «Омин!» Ва Худовандро мадҳ карданд+.

37 Ва ӯ дар он ҷо, пеши сандуқи аҳди Худованд, Ософ ва
бародаронашро гузошт, то ки пеши сандуқ ҳамеша бо кори ҳаррӯза
машғул бошанд;+

38 Ва Убайд-Адӯм ва бародаронашро, ки шасту ҳашт нафар буданд,
ва Убайд-Адӯм ибни Едутун ва Ҳӯсоро — ба вазифаи дарбонон;

39 Ва Содӯқи коҳин ва бародарони коҳинашро — пеши маскани
Худованд бар баландие ки дар Ҷибъӯн буд,+

40 То ки бар қурбонгоҳи қурбонии сӯхтанӣ барои Худованд
ҳамеша, ҳар субҳ ва ҳар шом, қурбониҳои сӯхтанӣ тақдим кунанд,
бар тибқи ҳар он чи дар Тавроти Худованд, ки онро ба Исроил амр
фармудааст, навишта шудааст;+

41 Ва бо онҳо Ҳеймон ва Едутун ва дигар баргузидагонро, ки
номбар шудаанд, то ки Худовандро ҳамд гӯянд, зеро ки эҳсони Ӯ то
абад аст;+

42 Ва бо онҳо Ҳеймон ва Едутунро бо карнайҳо ва санҷҳо, то ки
навозандагони асбоби мусиқӣ дар хизмати Худо бошанд; ва
писарони Едутунро, то ки дарвозаро посбонӣ намоянд+.

43 •Ва тамоми қавм ҳар яке ба хонаи худ рафтанд; ва Довуд
баргашт, то ки аҳли байти худро баракат диҳад.

## Довуд ба сохтани маъбад тайёрӣ мебинад.

**17** [1]Ва ҳангоме ки Довуд дар хонаи худ менишаст, Довуд ба
Нотони набӣ гуфт: «Инак, ман дар хонаи арзӣ сокин ҳастам,
вале сандуқи аҳди Худо зери чодаре мебошад»+.
[2]Ва Нотон ба Довуд гуфт: «Ҳар он чи дар дилат бошад, ба амал
овар, зеро ки Худо бо туст».
[3]Вале дар ҳамон шаб каломи Худо бар Нотон нозил шуда, гуфт:
[4]«Рафта, ба бандаи Ман Довуд бигӯй: „Худованд чунин мегӯяд: ту
хонае барои сукунати Ман бино нахоҳӣ кард,
[5]Зеро Ман аз рӯзе ки Исроилро берун овардаам, то имрӯз дар
хонае сокин нашудаам, балки аз хайма ба хайма ва аз маскан ба
маскан гардиш кардаам.
[6]Дар ҳар ҷое ки бо тамоми Исроил гардиш кардаам, оё ба ягон
довари Исроил, ки чаронидани қавми Худро ба вай амр фармуда
будам, сухане ба забон ронда, гуфтаам: чаро барои Ман хонаи арзӣ
бино накардед?“

## Ваҳйи Худованд ба Довуд.

[7]Ва алҳол ба бандаи Ман Довуд чунин бигӯй: „Худованди
лашкарҳо чунин мегӯяд: Ман туро аз чарогоҳ, аз ақиби гӯсфандон
гирифтам, то ки бар қавми Ман Исроил раис бошӣ+.
[8]Ва ба ҳар ҷое ки мерафтӣ, бо ту будам, ва ҳамаи душманонатро
аз пеши ту маҳв намудам, ва барои ту номе, мисли номи бузургоне
ки бар замин ҳастанд, ба вуҷуд овардам+.
[9]Ва барои қавми Худ Исроил маконе муқаррар намудам, ва
онҳоро шинондам, то ки дар он сокин гардида, дигар безобита
нашаванд, ва бадкорон дигар онҳоро нобуд накунанд, мисли он ки
дар замони пеш буд,+
[10]Ва мисли айёме ки доваронро бар кавми Худ Исроил таъин
карда будам; ва Ман ҳамаи душманонатро мағлуб намудам, ва Ман
ба ту хабар медиҳам, ки Худованд хонае барои ту бино хоҳад кард.
[11]Ва ҳангоме ки рӯзҳои ту анҷом ёфта, ту назди падарони худ
биравӣ, Ман насли туро, ки аз писарони ту хоҳад буд, баъд аз ту
пойдор гардонида, салтанати варо мустаҳкам хоҳам намуд+.

12 Вай барои Ман хона бино хоҳад кард, ва Ман тахти варо то абад
пойдор хоҳам гардонид+.
13 Ман барои вай падар хоҳам буд, ва вай барои Ман писар хоҳад
буд, ва Ман мархамати Худро аз вай дур нахоҳам кард, чунон ки онро
аз касе ки пеш аз ту буд, дур кардам+.
14 Ва Ман варо дар хонаи Худ ва дар салтанати Худ то абад хоҳам
баргумошт, ва тахти вай то абад пойдор хоҳад буд"»+.
15 Ҳамаи ин суханон ва тамоми ин рӯъёро Нотон ба Довуд ҳикоят
кард.

## Дуои подшоҳ Довуд.

16 •Ва подшоҳ Довуд омада, ба ҳузури Худованд нишаст, ва гуфт:
«Эй Худованд Худо, ман кистам ва хонадони ман чист, ки маро ба ин
мартаба расонидаӣ?
17 Ва ин дар назарат, эй Худо, кам намудааст, ва Ту дар бораи
ояндаи дури хонадони бандаат сухан рондаӣ ва ба ман чун ба одами
баландмартабае назар кардаӣ, эй Худованд Худо!
18 Ва Довуд дигар ба Ту дар бораи сарафрозии бандаи Ту чӣ
метавонад бигӯяд? Ту, охир, бандаи Худро мешиносӣ!
19 Худовандо, Ту ба хотири бандаи Худ ва бар тибқи дили Худ
тамоми ин бузургиро ба амал овардаӣ, то ки ҳамаи бузургиҳоро
зоҳир намоӣ.
20 Худовандо, дар ҳар он чи мо бо гӯшҳои худ шунидаем, чизе
монанди Ту нест, ва ҷуз аз Ту Худое нест+.
21 Ва кист, ки мисли қавми Ту Исроил бошад, ки онҳо бар рӯи
замин халқи ягонае ҳастанд, ки наздашон Худо омадааст, то ки
онҳоро фидия дода гирифта, барои Худ қавм гардонад, то ки Ту бо
корҳои бузург ва саҳмгин барои Худ исме пайдо кунӣ ва халқҳоро аз
пеши қавми Худ, ки аз Миср фидия дода гирифтаӣ, бадар биронӣ+.
22 Ва қавми Худ Исроилро барои Худ то абад қавм гардондӣ, ва Ту,
эй Худованд, Худои онҳо шудӣ.
23 Ва алҳол, эй Худованд, бигзор каломе ки Ту дар бораи бандаи
Худ ва хонадони вай ба забон рондаӣ, то абад пойдор бошад, ва он чи
гуфтаӣ, ба ҷо овар.

24 Ва исми Ту то абад пойдор ва муаззам бошад, то бигӯянд:
„Худованди лашкарҳо, Худои Исроил, Худо бар Исроил аст“. Ва
бигзор хонадони бандаат Довуд ба ҳузури Ту пойдор бошад.
25 Азбаски Ту, эй Худо, гӯшраси бандаи Худ намудаӣ, ки хонае
барояш бино хоҳӣ кард, бинобар ин бандаат ҷуръат пайдо кард, ки
назди Ту дуо бигӯяд.
26 Ва алҳол, эй Худованд, Ту Худо ҳастӣ, ва Ту дар бораи бандаи
Худ ин некиро ба забон рондаӣ.
27 Ва алҳол Ту таваҷҷӯҳ намудаӣ, ки хонадони бандаатро баракат
диҳӣ, то ки он то абад дар ҳузури Ту бошад; зеро ки Ту, эй Худованд,
онро баракат додаӣ, ва он то абад муборак хоҳад буд».

## Мустаҳкам шудани салтанати Довуд.

**18** 1 •Ва баъд аз ин Довуд ба фалиштиён зарба расонида, онҳоро
мағлуб кард, ва Ҷат ва қасабаҳояшро аз дасти фалиштиён
гирифт.
2 Ва ба Мӯоб шикаст расонид, ва мӯобиён бандагони хироҷгузори
Довуд гардиданд.
3 Ва Довуд ба Ҳададозар, подшоҳи Сӯбо, вақте ки вай мерафт, то
ҳукмронии худро назди наҳри Фурот устувор гардонад, дар Ҳамот
шикаст расонид+.
4 Ва Довуд ҳазор ароба ва ҳафт ҳазор савора ва бист ҳазор пиёда аз
вай гирифт, ва Довуд ҳамаи аспони аробаҳоро пай кард, вале аз онҳо
барои сад ароба нигоҳ дошт+.
5 Ва арамиёни Димишқ ба мадади Ҳададозар, подшоҳи Сӯбо,
омаданд, ва Довуд аз арамиён бисту ду ҳазор нафарро кушт.
6 Ва Довуд дар Арами Димишқ волиёнро гузошт, ва арамиён
бандагони хироҷгузори Довуд гардиданд. Ва Худованд Довудро ба
ҳар ҷое ки вай мерафт, ёварӣ менамуд.
7 Ва Довуд сипарҳои тиллоро, ки бар навкарони Ҳададозар буд,
гирифта, ба Ерусалим овард+.
8 Ва аз Тибҳат ва Кӯн, ки шаҳрҳои Ҳададозар буд, Довуд миси
бағоят зиёде гирифт, ки аз он Сулаймон ҳавзи мисин ва сутунҳо ва
колои мисин сохт+.
9 Ва Тӯу, подшоҳи Ҳамот, шунид, ки Довуд тамоми лашкари
Ҳададозар, подшоҳи Сӯборо мағлуб кардааст.
10 Ва писари худ Ҳадӯромро назди подшоҳ Довуд фиристод, то ки
ба ӯ салом расонад ва ӯро муборакбод гӯяд, ба муносибати он ки бо
Ҳададозар ҷанг карда, варо мағлуб намудааст, — зеро ки Ҳададозар ба
муқобили Тӯу бисьёр меҷангид, — бо ҳар навъ зарфҳои тилло ва
нуқра ва мис.
11 Ва подшоҳ Довуд онҳоро низ барои Худованд вақф намуд, бо
якҷоягии нуқра ва тиллое ки аз ҳамаи халқҳо: аз Адӯм ва Мӯоб ва
банӣ-Аммӯн ва фалиштиён ва Амолеқ гирифта буд+.
12 Ва Абшай ибни Саруё аз адӯмиён дар водии Намак ҳаждаҳ ҳазор
нафарро кушт;

[13] Ва дар Адӯм волиёнро гузошт, ва ҳамаи адӯмиён бандагони
Довуд гардиданд; ва Худованд Довудро ба ҳар ҷое ки вай мерафт,
ёварӣ менамуд+.

[14] •Ва Довуд бар тамоми Исроил подшоҳӣ мекард, ва бар тамоми
қавми худ доварӣ ва инсофро ба амал меовард.
[15] Ва Юоб ибни Саруё сарлашкар буд, ва Еҳӯшофот ибни Аҳилуд —
вақоеънавис+.
[16] Ва Содӯқ ибни Аҳитуб ва Абималик ибни Абьётор коҳин буданд;
ва Шавшо котиб буд+.
[17] Ва Баноёҳу ибни Еҳӯёдоъ бар каритиён ва фалитиён гумошта
буд; ва писарони Довуд назди подшоҳ садрнишин буданд+.

## Ҷанг бар зидди банӣ-Аммӯн бо сардории Юоб.

19 [1] •Ва баъд аз он чунин воқеъ шуд, ки Ноҳош, подшоҳи банӣ-
Аммӯн, мурд, ва писараш ба ҷои вай подшоҳ шуд+.
[2] Ва Довуд гуфт: «Ба Ҳонун ибни Ноҳош эҳсон хоҳам намуд, чунки
падари вай ба ман эҳсон карда буд». Ва Довуд қосидон фиристод, то
ки ба вай дар бораи падараш таъзия баён намоянд; ва навкарони
Довуд ба замини банӣ-Аммӯн назди Ҳонун омаданд, то ки ба вай
таъзия баён намоянд.
[3] Вале сарварони банӣ-Аммӯн ба Ҳонун гуфтанд: «Оё ба гумони ту
Довуд падаратро эҳтиром менамуд, ки баёнкунандагони таъзияро
назди ту фиристодааст? Навкарони вай, охир, назди ту барои он
омадаанд, ки мамлакатро тафтиш ва таҳқиқ ва ҷосусӣ кунанд!»
[4] Ва Ҳонун бандагони Довудро гирифта, ришашонро тарошид, ва
либосашонро то нисфаш, яъне аз поён то суринашон бурида партофт,
ва онҳоро фиристод.
[5] Ва рафта, дар бораи ин одамон ба Довуд хабар доданд, ва ӯ ба
пешвози онҳо фиристод, зеро ки ин одамон бағоят хиҷил буданд; ва
подшоҳ гуфт: «Дар Ериҳӯ бимонед, то вақте ки ришҳотон калон
шавад, ва баъд аз он хоҳед баргашт».
[6] Ва банӣ-Аммӯн диданд, ки дар назари Довуд нафратангез
гардиданд; ва Ҳонун ва банӣ-Аммӯн ҳазор киккар нуқра
фиристоданд, то ки аз арамиёни Наҳрайн ва аз арамиёни Маъко ва аз
Сӯбо барои худ аробаҳо ва саворон киро кунанд+.
[7] Ва сию ду ҳазор ароба ва подшоҳи Маъкоро бо қавмаш барои худ
киро карданд, ва онҳо омада, назди Мидбо ӯрду заданд; ва банӣ-
Аммӯн аз шаҳрҳои худ ҷамъ шуда, барои ҷанг омаданд+.
[8] Ва Довуд инро шунида, Юоб ва тамоми лашкари далеронро
фиристод.
[9] Ва банӣ-Аммӯн берун омада, назди дарвозаи шаҳр барои ҷанг
саф кашиданд, ва подшоҳоне ки омада буданд, дар саҳро алоҳида
мавқеъ гирифтанд.
[10] Ва Юоб дид, ки ба муқобили ӯ ҳам аз пеш ва ҳам аз ақиб барои
ҷанг омода шудаанд; ва ӯ аз ҳамаи гузинони Исроил фавҷе интихоб
намуда, бар зидди арамиён саф кашид.

11 Ва бақияи қавмро ба дасти бародараш Абшай супурд, то ки бар
зидди банӣ-Аммӯн саф кашанд+.
12 Ва гуфт: «Агар арамиён аз ман зӯр бароянд, ба мадади ман биё,
ва агар банӣ-Аммӯн аз ту зӯр бароянд, ман ба мадади ту хоҳам омад;
13 Далер бош, ва мо барои қавми худ ва барои шаҳрҳои Худои худ
далерона хоҳем ҷангид, ва Худованд он чиро, ки дар назараш писанд
ояд, ба амал хоҳад овард»+.
14 Ва Юоб бо қавме ки ҳамроҳи ӯ буданд, ба ҷанги зидди арамиён
шурӯъ кард, ва онҳо аз пеши ӯ рӯ ба гурез оварданд.
15 Ва банӣ-Аммӯн диданд, ки арамиён рӯ ба гурез оварданд, онҳо
низ аз пеши Абшай гурехта, ба шаҳр дохил шуданд; ва Юоб ба
Ерусалим омад.
16 Ва чун арамиён диданд, ки пеши Исроил мағлуб гардиданд,
қосидон фиристода, арамиёнеро, ки дар он тарафи наҳр буданд,
берун оварданд, ва Шуфак, сарлашкари Ҳададозар, пешопеши онҳо
мерафт+.

## Довуд ба лашкар сардорӣ мекунад.

17 Ва ба Довуд хабари ин расид, ва ӯ тамоми Исроилро ҷамъ кард,
ва аз Урдун убур намуда, назди онҳо омад, ва ба муқобили онҳо саф
кашид; ва Довуд бар зидди арамиён ба ҷанг шурӯъ намуд, ва онҳо бо
ӯ ҷанг карданд.
18 Ва арамиён аз пеши Исроил рӯ ба гурез оварданд, ва Довуд ҳафт
ҳазор сарбози аробагард ва чил ҳазор пиёдаро аз арамиён кушт, ва
Шуфаки сарлашкарро ба қатл расонид.
19 Ва чун навкарони Ҳададозар диданд, ки пеши Исроил мағлуб
гардиданд, бо Довуд сулҳ баста, ба ӯ тобеъ шуданд; ва арамиён
минбаъд нахостанд, ки банӣ-Аммӯнро дастгирӣ кунанд.

## Довуд ва Юоб Раббаро забт менамоянд.

# 20

[1] •Ва баъд аз интиҳои сол, яъне баҳорон, вақте ки подшоҳон
берун меравaнд, то ки биҷанганд, чунин воқеъ шуд, ки Юоб
қуввати лашкарро ба кор бурда, кишвари банӣ-Аммӯнро торумор
сохт, ва омада, Раббаро муҳосира кард, вале Довуд дар Ерусалим буд,
ва Юоб Раббаро забт намуд, ва онро валангор кард+.
[2] Ва Довуд тоҷи подшоҳи онҳоро аз сари вай гирифт, ки вазнаш як
киккар буд, ва санги гаронбаҳое дошт, ва онро ба сари Довуд
гузоштанд; ва ӯ ғанимати бағоят зиёде аз шаҳр берун овард.
[3] Ва қавмеро, ки дар он буданд, берун овард, ва онҳоро ба корҳои
маҷбурӣ бо арраҳо ва ғаллакӯбакҳои оҳанин ва табарзинҳо
баргумошт; ва бо ҳамаи шаҳрҳои банӣ-Аммӯн чунин амал кард; ва
Довуд ва тамоми қавм ба Ерусалим баргаштанд.

## Ҷанг бо фалиштиён.

[4] Ва баъд аз он, ҷанге бо фалиштиён дар Ҷозар рӯй дод; он вақт
Сибкаи ҳушотӣ Сифайро, ки аз авлоди рафоим буд, кушт; ва онҳо ба
сари итоат омаданд+.
[5] Ва боз ҷанге бо фалиштиён рӯй дод, ва Элҳонон ибни Ёир
Лаҳмиро, ки бародари Ҷольёти ҷаттӣ буд, ва дастаи найзааш мисли
наварди молбофон буд, кушт+.
[6] Ва боз ҷанге дар Ҷат рӯй дод; ва марди бузургҷуссае буд, ки дасту
поҳояш ҳар яке шаш ангушт дошт, — ҷамъ бисту чорто; вай низ аз
авлоди Рофо буд.
[7] Ва ҳангоме ки вай Исроилро дашном медод, Йӯнотон ибни
Шимъо, бародари Довуд, варо кушт+.
[8] Инҳо барои Рофо дар Ҷат зоида шуда буданд, ва аз дасти Довуд ва
навкаронаш фурӯ ғалтиданд+.

## Саршумории қавм ба Худо писанд наомад. Вабо.

21 [1] •Ва шайтон бар Исроил қиём намуда, Довудро иғво дод, ки
аҳли Исроилро дар шумор оварад+.
[2] Ва Довуд ба Юоб ва сарварони қавм гуфт: «Рафта, аҳли Исроилро
аз Беэр-Шобаъ то Дон саршуморӣ намоед, ва ба ман маълум кунед, то
ки шумораи онҳоро бидонам»+.

## Юоб ба саршуморӣ эрод мегирад.

[3] Ва Юоб гуфт: «Бигзор Худованд шумораи қавми Худро аз он
қадар, ки ҳаст, сад баробар зиёд кунад! Эй оғоям подшоҳ, оё ҳамаи
онҳо навкарони оғоям нестанд? Пас чаро ин корро хоҳон аст? Ва чаро
ин сабаби гуноҳи Исроил бишавад?»+
[4] Вале сухани подшоҳ бар Юоб ғолиб омад; ва Юоб берун рафта,
дар тамоми Исроил гардиш кард, ва ба Ерусалим омад;
[5] Ва Юоб рӯйхати саршумории қавмро ба Довуд пешниҳод кард; ва
аз тамоми Исроил ҳазор карат ҳазор ва сад ҳазор нафар мардони
шамшерзан, ва аз Яҳудо чорсаду ҳафтод ҳазор нафар мардони
шамшерзан буданд+.
[6] Вале ӯ левизодагон ва биньёминиёнро андаруни онҳо дар шумор
наовард, зеро ки сухани подшоҳ барои Юоб нафратангез буд+.

[7] •Ва ин кор дар назари Худо бад буд, ва Ӯ Исроилро зарба зад.

[8] Ва Довуд ба Худо гуфт: «Бо ин коре ки кардам, бағоят гуноҳкор
шудам; ва алҳол аз гуноҳи бандаи Худ гузарӣ намо, зеро ки бағоят
беақлона рафтор кардам»+.
[9] Ва Худованд ба Ҷод, ки пешбини Довуд буд, сухан ронда, гуфт:+
[10] «Бирав ва ба Довуд сухан ронда, бигӯй: „Худованд чунин
мегӯяд: Ман се чизро ба ту таклиф мекунам; яке аз онҳоро ба худ
интихоб намо, то ки бар ту ба амал оварам“».
[11] Ва Ҷод назди Довуд омад, ва ба ӯ гуфт: «Худованд чунин мегӯяд:
„Барои худ интихоб намо:
[12] Ё се сол қаҳтӣ рӯй диҳад, ва ё се моҳ аз пеши душманонат
бигрезӣ, ва шамшери душманонат ба ту бирасад, ва ё шамшери
Худованд ва вабо дар замин ҳукмфармо гардад, ва фариштаи

Худованд дар тамоми ҳудуди Исроил ба ҳалокат бирасонад“. Ва
алҳол мулоҳиза намо, ки ба Фиристандаи худ чӣ ҷавобе гардонам».
13 Ва Довуд ба Ҷод гуфт: «Ман дар ғояти тангӣ ҳастам; беҳтар аст,
ки ба дасти Худованд афтам, зеро ки марҳамати Ӯ бузург аст; вале ба
дасти одамизод наафтам»+.
14 Ва Худованд бар Исроил вабо фиристод, ва аз исроилиён ҳафтод
ҳазор нафар мурданд+.
15 Ва Худо фариштае ба Ерусалим фиристод, то ки онро ба ҳалокат
бирасонад; ва ҳангоме ки вай мехост ба расонидани ҳалокат шурӯъ
намояд, Худованд дида, аз ин офат пушаймон шуд, ва ба фариштаи
ҳалокатовар гуфт: «Басанда аст, акнун дасти худро боздор!» Ва
фариштаи Худованд назди хирмангоҳи Орнони ябусӣ истода буд+.
16 Ва Довуд чашмонашро боло карда, фариштаи Худовандро дид,
ки дар миёни замин ва осмон истодааст, ва шамшери бараҳна дар
дасташ бар Ерусалим дароз карда шудааст; ва Довуд ва пироне ки
палос дар бар доштанд, бар рӯи худ афтоданд.
17 Ва Довуд ба Худо гуфт: «Ман, охир, барои саршумории қавм амр
фармудаам, ва ман ҳамонам, ки гуноҳ кардаам, ва бадкорӣ
намудаам, вале ин гӯсфандон чӣ кардаанд? Эй Худованд Худои ман!
Бигзор дасти Ту бар ман ва бар хонадони падарам бошад, вале на бар
қавми Ту барои нобуд кардани вай».

## Довуд хирмангоҳи Орнонро мехарад.

18 •Ва фариштаи Худованд ба Ҷод гуфт, ки вай ба Довуд бигӯяд, ки
Довуд баромада, дар хирмангоҳи Орнони ябусӣ қурбонгоҳе барои
Худованд барпо намояд.
19 Ва Довуд бар тибқи сухани Ҷод, ки вай ба исми Худованд гуфта
буд, баромад.
20 Ва Орнон рӯ гардонида, фариштаро дид, ва чор писараш, ки бо ӯ
буданд, пинҳон шуданд; ва Орнон гандум мекӯфт.
21 Ва Довуд назди Орнон омад, ва Орнон назар андохта, Довудро
дид, ва аз хирмангоҳ берун омада, ба Довуд рӯ ба замин афтода сaҷда
бурд.
22 Ва Довуд ба Орнон гуфт: «Ҷои хирмангоҳро ба ман бидеҳ, то ки
қурбонгоҳе дар он барои Худованд барпо намоям; онро ба қимати

пурра ба ман бидеҳ, то ки вабо аз қавм дур шавад»+.
[23] Ва Орнон ба Довуд гуфт: «Онро барои худ бигир; бигзор оғоям
подшоҳ он чи дар назараш писанд ояд, ба амал оварад; инак, ман
говҳоро барои қурбонии сӯхтанӣ, ва асбоби ғаллакӯбиро барои
ҳезум, ва гандумро барои ҳадияи ордӣ медиҳам, — ҳамаашро
бахшиш мекунам»+.
[24] Вале подшоҳ Довуд ба Орнон гуфт: «Не, балки ба қимати пурра
хоҳам харид, зеро он чиро, ки аз они туст, барои Худованд нахоҳам
гирифт, ва он чиро, ки муфт бошад, ҳамчун қурбонии сӯхтанӣ
тақдим нахоҳам кард».
[25] Ва Довуд барои он ҷой ба вазни шашсад сиқл ба Орнон тилло
дод.
[26] Ва дар он ҷо Довуд қурбонгоҳе барои Худованд бино карда,
қурбонии сӯхтанӣ ва қурбонии саломатӣ тақдим намуд, ва сӯи
Худованд хонд, ва Ӯ варо иҷобат намуда, бар қурбонгоҳи қурбонии
сӯхтанӣ оташе аз осмон фиристод+.
[27] Ва Худованд ба фаришта амр фармуд, ва вай шамшери худро ба
ғилофаш баргардонид.
[28] Дар он замон, чун Довуд дид, ки Худованд ӯро дар хирмангоҳи
Орнони ябусӣ иҷобат намуд, дар он ҷо қурбонӣ мекард.
[29] Вале маскани Худованд, ки онро Мусо дар биёбон сохта буд, ва
қурбонгоҳи қурбонии сӯхтанӣ дар он замон бар баландии Ҷибъӯн
буд+.
[30] Ва Довуд наметавонист назди он биравад, то ки аз Худо пурсон
кунад, чунки аз шамшери фариштаи Худованд тарсида буд.

## Довуд барои маъбад масолеҳ тайёр мекунад.

**22** [1] Ва Довуд гуфт: «Ин аст хонаи Худованд Худо ва ин аст
қурбонгоҳи қурбонии сӯхтанӣ барои Исроил»+.
[2] Ва Довуд амр фармуд, ки ғарибонро, ки дар замини Исроил
мебошанд, дар як ҷо ҷамъ кунанд, ва ӯ сангтарошонро таъин кард, то
ки сангҳо барои сохтани хонаи Худо битарошанд+.
[3] Ва Довуд оҳани зиёде барои меххо, барои табақаҳои дарвозаҳо ва
барои ошиқ-маъшуқҳо тайёр кард, ва миси зиёде низ, ки вазнаш
маълум набуд,+
[4] Ва дарахтони арз, ки сону шумор надошт, зеро ки сидӯниён ва
сӯриён дарахтони арз барои Довуд бисьёр оварда буданд+.
[5] Ва Довуд гуфт: «Писарам Сулаймон ҷавон ва нозук аст, ва хонае
ки барои Худованд бино кардан лозим аст, бояд бағоят азим, номӣ ва
мӯҳташам дар назари ҳамаи кишварҳо бошад; пас, барои ӯ ман тайёр
мекунам». Ва Довуд пеш аз фавти худ масолеҳи зиёде тайёр кард+.

## Довуд ба Сулаймон дастурҳо оид ба сохтани маъбад медиҳад.

[6] Ва писараш Сулаймонро хонда, ба вай амр фармуд, ки хонае
барои Худованд Худои Исроил бино кунад.
[7] Ва Довуд ба Сулаймон гуфт: «Эй писарам, муроди дили ман ин
буд, ки хонае ба исми Худованд Худои худ бино кунам+.
[8] Вале каломи Худованд бар ман нозил шуда, гуфт: „Ту хуни зиёде
рехтаӣ, ва ҷангҳои азиме кардаӣ; ту набояд хонае ба исми Ман бино
кунӣ, зеро ки ба ҳузури Ман хуни бисьёре бар замин рехтаӣ+.
[9] Инак, писаре барои ту таваллуд хоҳад ёфт, ки вай марди
осоиштае хоҳад буд, ва Ман ба вай аз ҳамаи душманони гирду
атрофаш осоиштагӣ хоҳам бахшид; зеро ки номи вай Сулаймон хоҳад
буд, ва Ман дар айёми вай ба Исроил сулҳ ва осоиштагӣ хоҳам
бахшид+.
[10] Вай хонае ба исми Ман бино хоҳад кард, ва вай барои Ман писар
хоҳад буд, ва Ман барои вай падар хоҳам буд, ва тахти салтанати
варо бар Исроил то абад пойдор хоҳам гардонид“+.
[11] Алҳол, эй писарам, бигзор Худованд бо ту бошад, то ки комьёб
гардида, хонаи Худованд Худои худро бино кунӣ, чунон ки Ӯ дар
бораи ту гуфтааст;

[12] Ва бигзор Худованд ба ту ақлу фаҳм ато фармояд, ва туро бар Исроил таъин кунад, то ки шариати Худованд Худои худро риоя намоӣ.
[13] Он гоҳ ту комьёб хоҳӣ шуд, ба шарте ки фароиз ва дастурҳоеро, ки Худованд ба Мусо дар бораи Исроил амр фармудааст, риоя намуда ба амал оварӣ; пас, қавӣ ва далер бош, натарс ва ҳаросон нашав!+
[14] Ва инак, ман дар аҷзи худ барои хонаи Худованд сад ҳазор киккар тилло ва ҳазор ҳазор киккар нуқра тайёр кардаам, ва он қадар мис ва оҳан, ки вазнаш маълум нест, чунки бисьёр буд; ва чӯбу тахта ва сангҳо тайёр кардаам, ва ту бар онҳо илова намо.
[15] Ва назди ту коргарони бисьёре ҳастанд: сангтарошон ва харротони санг ва чӯб, ва ҳар навъ ҳунармандон дар ҳар кори
[16] Тилло, нуқра, мис ва оҳан сону шумор надоранд; пас, бархез ва амал намо, ва Худованд бо ту хоҳад буд».

## Довуд ба сарварон васият мекунад, ки ба Сулаймон мадад расонанд.

[17] Ва Довуд ба ҳамаи сарварони Исроил васият мекунад, ки ба писараш Сулаймон мадад расонанд:
[18] «Худованд Худои шумо, охир, бо шумост, ва аз ҳар ҷониб ба шумо осоиштагӣ бахшидааст, зеро ки сокинони ин заминро ба дасти ман супурдааст, ва ин замин пеши Худованд ва пеши қавми Ӯ тобеъ гардидааст+.
[19] Алҳол дилҳо ва ҷонҳои худро омода намоед, то ки Худованд Худои худро ҷӯё бошед; ва бархоста, қудси Худованд Худоро бино кунед, то ки сандуқи аҳди Худованд ва колои муқаддаси Худоро ба хонае ки ба исми Худованд бино меёбад, бикӯчонед».

## Довуд пеш аз фавташ Сулаймонро ворисі худ мегардонад.

**23** [1] Ва Довуд пир ва солхӯрда шуд, ва писараш Сулаймонро бар
Исроил подшоҳ кард+.

## Дастурҳо ба левизодагон ва ба насли Ҷершӯн.

[2] Ва ҳамаи сарварони Исроил, ва коҳинон ва левизодагонро ҷамъ
кард.
[3] Ва левизодагон аз синни сисола ва болотар дар шумор оварда
шуданд, ва шумораи онҳо, бар ҳасби сарҳои мардон, сию ҳашт ҳазор
нафар буд+.
[4] Аз онҳо барои идора кардани корҳои хонаи Худованд бисту чор
ҳазор нафар, ва нозирон ва доварон шаш ҳазор нафар буданд;
[5] Ва чор ҳазор нафар дарбонон, ва чор ҳазор нафар шахсоне
буданд, ки Худовандро ҳамду сано мегуфтанд, бо асбобе ки ман
барои ҳамду сано сохтаам+.
[6] Ва онҳоро Довуд, бар ҳасби писарони Левӣ, яъне Ҷершӯн, Қаҳот
ва Марорӣ, ба гурӯҳҳо тақсим кард+.
[7] Аз ҷершӯниён: Лаъдон ва Шимъӣ+.
[8] Писарони Лаъдон: сардорашон Яҳиил, ва сонӣ Зитом ва Юил — се
нафар+.
[9] Писарони Шимъӣ: Шалӯмит ва Ҳазиил ва Ҳорон — се нафар; инҳо
сардорони хонаводаҳои Лаъдон буданд.
[10] Ва писарони Шимъӣ: Яҳат, Зизо ва Еуш ва Барио; инҳо, чор
нафар, писарони Шимъӣ буданд.
[11] Ва Яҳат сардор буд, ва Зизо — дуюм; ва Еуш ва Барио писарони
бисьёр надоштанд, ва аз ин рӯ як хонавода шумурда шуданд.

## Дар бораи насли Қаҳот.

[12] Писарони Қаҳот — Амром, Йисҳор, Ҳебрӯн ва Узиил — чор
нафар+.
[13] Писарони Амром: Ҳорун ва Мусо; ва Ҳорун ҷудо карда шуд, то ки
ӯ ва писаронаш барои хизмати муқаддастарин ба сурати абадӣ
тақдис ёбанд, ба ҳузури Худованд бухур бисӯзонанд, ба Ӯ хизмат
кунанд ва ба исми Ӯ то абад баракат диҳанд+.

14 Ва писарони Мусо, марди Худо, бо номи сибти Левӣ хонда шудаанд+.
15 Писарони Мусо: Ҷершӯн ва Элиозар+.
16 Писарони Ҷершӯн: Шабуил сардорашон буд+.
17 Ва писарони Элиозар: Раҳабьё сардорашон буд. Ва Элиозар писарони дигар надошт; вале писарони Раҳабьё бағоят бисьёр буданд+.
18 Писарони Йисҳор: Шалӯмит сардорашон буд.
19 Писарони Ҳебрӯн: Ериёҳу сардорашон буд, Амарьё — дуюм, Яҳазиил — сеюм, ва Еқамъом — чорум+.
20 Писарони Узиил: Мико сардорашон буд, ва Ешиё — дуюм+.

## Дар бораи насли Марорӣ.

21 Писарони Марорӣ: Маҳлӣ ва Мушӣ; писарони Маҳлӣ: Элъозор ва Қиш+.
22 Ва Элъозор мурд, ва ӯ писарон не, балки духтарон дошт, ва онҳоро писарони Қиш, бародарҳошон, ба занӣ гирифтанд+.
23 Писарони Мушӣ: Маҳлӣ ва Эдар ва Йиремӯт — се нафар+.

## Вазифаҳои нави левизодагон.

24 Инҳоянд писарони Левӣ, мувофиқи хонадонҳои падарони онҳо, ва сардорони хонаводаҳо, мувофиқи саршумори ном ба номи онҳо, ки аз синни бистсола ва болотар вазифаҳои хизмати хонаи Худовандро ба ҷо меоварданд+.
25 Зеро ки Довуд гуфт: «Худованд Худои Исроил ба қавми худ осоиштагӣ бахшидааст, ва Ӯ дар Ерусалим то абад сокин хоҳад буд,+
26 Ва низ левизодагонро дигар ҳоҷат нест, ки маскан ва тамоми колои хизмати онро бардоранд».
27 Аз ин рӯ, бар тибқи суханони охирини Довуд, писарони Левӣ аз синни бистсола ва болотар дар шумор оварда шуданд,
28 Зеро ки мавқеи онҳо дар паҳлуи писарони Ҳорун буд, то ки хизмати хонаи Худовандро ба ҷо оварда, бар саҳнҳо ва бар ҳуҷраҳо, ва бар татҳири тамоми қудс, ва бар иҷрои ҳар хизмати хонаи Худо мутасаддӣ бошанд,+
29 Ва низ бар нони тақдим, ва бар орди маҳин барои ҳадияи ордӣ, ва бар чалпакҳои фатирӣ, ва бар ҳадияҳои бирьён ва пухта, ва бар ҳар андозаи моеӣ ва вазн;
30 Ва ҳар субҳ омода шаванд, то ки Худовандро ҳамд гӯянд ва ситоиш намоянд, — ва ҳамчунин ҳар шом;
31 Ва дар ҳар вақти тақдим кардани қурбониҳои сӯхтанӣ барои Худованд дар шанбеҳо, навмоҳҳо ва идҳо, бар ҳасби шумораи онҳо, мувофиқи дастури оид ба онҳо, — доимо ба ҳузури Худованд бошанд;+
32 Ва навбатдории хаймаи ҷомеъ, ва навбатдории қудс, ва навбатдории бародаронашон банӣ-Ҳорунро дар хизмати хонаи Худованд нигаҳбонӣ кунанд.

## Банӣ-Ҳорун бо қуръа ба 24 навбат тақсим шуданд.

**24** [1] Ва ин аст тақсимоти банӣ-Ҳорун: писарони Ҳорун: Нодоб ва
Абиҳу, Элъозор ва Итомор+.
[2] Ва Нодоб ва Абиҳу пеш аз падари худ мурданд, ва онҳо писаре
надоштанд; ва Элъозор ва Итомор коҳинӣ карданд+.
[3] Ва Довуд онҳоро, — ба ёрии Содӯқ аз банӣ-Элъозор, ва Аҳималик
аз банӣ-Итомор, — ба навбатҳои онҳо дар хизматашон тақсим кард+.
[4] Ва дар миёни банӣ-Элъозор мардони сардор назар ба банӣ-
Итомор бештар ёфт шуданд, пас онҳоро ба таври зерин тақсим
карданд: аз банӣ-Элъозор шонздаҳ сардори хонавода, ва аз банӣ-
Итомор ҳашт сардори хонавода.
[5] Ва онҳоро ба воситаи қуръа тақсим карданд, — якеро бо дигаре,
— зеро ки сарварони қудс ва сарварони хонаи Худо ҳам аз банӣ-
Элъозор буданд ва ҳам аз банӣ-Итомор.
[6] Ва Шамаъё ибни Натанъили котиб, ки аз левизодагон буд,
номҳои онҳоро ба ҳузури подшоҳ ва сарварон, ва Содӯқи коҳин, ва
Аҳималик ибни Абьётор, ва сардорони хонаводаҳои коҳинон ва
левизодагон навишт; як хонавода аз банӣ-Элъозор гирифта шуд, ва
сонӣ аз банӣ-Итомор гирифта шуд.
[7] Ва қуръаи якум барои Еҳӯёриб баромад, дуюм — барои Едаъё;+
[8] Сеюм — барои Ҳорим, чорум — барои Саӯрим;
[9] Панҷум — барои Малкиё, шашум — барои Миёмин;
[10] Ҳафтум — барои Ҳаққӯс, ҳаштум — барои Абиё;+
[11] Нӯҳум — барои Ешуа, даҳум — барои Шаканьёҳу;
[12] Ёздаҳум — барои Эльёшиб, дувоздаҳум — барои Ёқим;
[13] Сездаҳум — барои Ҳуффо, чордаҳум — барои Ешабъоб;
[14] Понздаҳум — барои Билҷо, шонздаҳум — барои Иммир;
[15] Ҳафдаҳум — барои Ҳизир, ҳаждаҳум — барои Ҳафиссис;
[16] Нуздаҳум — барои Фатаҳьё, бистум — барои Ҳизқиёл;
[17] Бисту якум — барои Ёкин, бисту дуюм — барои Ҷомул;
[18] Бисту сеюм — барои Далоёҳу, бисту чорум — барои Маазьёҳу.
[19] Ҳамин аст навбатҳои онҳо дар хизматашон, барои дохил шудан
ба хонаи Худованд, бар тибқи дастуруламале ки ба воситаи
падарашон Ҳорун ба онҳо дода шудааст, чунон ки Худованд Худои
Исроил ба вай амр фармуда буд.

## Тақсимоти писарони дигари Левӣ.

[20] Ва дар бораи бақияи банӣ-Левӣ: аз писарони Амром — Шубоил,
аз писарони Шубоил — Еҳдиёҳу;+
[21] Аз Раҳабьёҳу: аз писарони Раҳабьёҳу — сардорашон Йишшиё;
[22] Аз йисҳориён — Шалӯмӯт; аз писарони Шалӯмӯт — Яҳат;
[23] Ва аз писарони Ҳебрӯн: Ериёҳу — сардорашон, Амарьёҳу —
дуюм, Яҳазиил — сеюм, Еқамъом — чорум;+
[24] Писарони Узиил: Мико; аз писарони Мико — Шомир;
[25] Бародари Мико — Йишшиё; аз писарони Йишшиё — Закарьёҳу;
[26] Писарони Марорӣ: Маҳлӣ ва Мушӣ; писарони Яазиёҳу — Банӯ;
[27] Писарони Марорӣ: аз они Яазиёҳу — Банӯ ва Шӯҳам ва Заккур ва
Ибрӣ;
[28] Аз они Маҳлӣ — Элъозор, вале вай писаре надошт;
[29] Аз они Қиш: писарони Қиш — Ераҳмеил;
[30] Ва писарони Мушӣ: Маҳлӣ ва Эдар ва Еримӯт. Инҳо писарони
левизодагон бар ҳасби хонаводаҳошон мебошанд.
[31] Ва онҳо низ, дар баробари бародарони худ банӣ-Ҳорун, ба
ҳузури подшоҳ Довуд ва Содӯқ ва Аҳималик ва сардорони
хонаводаҳои коҳинон ва левизодагон қуръа партофтанд, — сардори
хонавода дар баробари бародари хурдии худ+.

## Шумораи муғанниён ва вазифаҳои онҳо.

**25** 1 Ва Довуд ва сардорони лашкари хизмат писарони Ософ ва
Ҳеймон ва Едутунро ҷудо карданд, то ки бо барбатҳо, удҳо ва
санҷҳо сурудгӯӣ кунанд; ва шумораи онҳо, ки дар хизмати худ моҳир
буданд, ин аст:+
2 Аз писарони Ософ: Заккур ва Юсуф ва Натаньё ва Асарэло; ин
писарони Ософ дастпарварди Ософ буданд, ки ӯ бо ҳидояти подшоҳ
сурудгӯӣ мекард.
3 Аз Едутун, писарони Едутун: Ҷадальёҳу, Сарӣ, Ешаъёҳу,
Ҳашабьёҳу ва Маттитьёҳу — шаш нафар, ки дар таҳти роҳбарии
падарашон Едутун барбат навохта, дар ҳамд ва ситоиши Худованд
сурудгӯӣ мекарданд.
4 Аз Ҳеймон, писарони Ҳеймон: Буққиёҳу, Маттаньёҳу, Уззиил,
Шабуил, Еримӯт, Ҳананьё, Ҳанонӣ, Элиото, Ҷиддалтӣ, Ромамтӣ-Озар,
Ёшбеқошо, Маллӯтӣ, Ҳӯтир ва Маҳазиӯт.
5 Ҳамаи онҳо писарони Ҳеймон буданд, ки ӯ пешбини подшоҳ дар
ҳамду санои Худо буд, то ки ҷалоли Ӯро баланд бардорад; ва Худо ба
Ҳеймон чордаҳ писар ва се духтар дода буд.
6 Ҳамаи инҳо дар таҳти роҳбарии падарашон бо санҷҳо, удҳо ва
барбатҳо дар хонаи Худованд сурудгӯӣ мекарданд, ва ин хизмати
хонаи Худоро бо ҳидояти подшоҳ ва Ософ ва Едутун ва Ҳеймон ба ҷо
меоварданд.
7 Ва шумораи онҳо бо бародаронашон, ки сурудгӯиро барои
Худованд таълим гирифта буданд, яъне ҳамаи касоне ки дар ин кор
маҳорат доштанд, дусаду ҳаштоду ҳашт нафар буд.

## Бо қуръа тақсим кардани онҳо ба 24 навбат.

8 Ва онҳо барои муқаррар кардани навбатдорӣ, — хурд дар
баробари калон, моҳир дар баробари шогирд, — қуръа партофтанд+.
9 Ва қуръаи якуми банӣ-Ософ барои Юсуф баромад; дуюм — барои
Ҷадальёҳу, ки ӯ ва бародаронаш ва писаронаш дувоздаҳ нафар
буданд;
10 Сеюм — барои Заккур, писаронаш ва бародаронаш, дувоздаҳ
нафар;

[11] Чорум — барои Йисрӣ, писаронаш ва бародаронаш, дувоздаҳ нафар;
[12] Панҷум — барои Натаньёҳу, писаронаш ва бародаронаш, дувоздаҳ нафар;
[13] Шашум — барои Буққиёҳу, писаронаш ва бародаронаш, дувоздаҳ нафар;
[14] Ҳафтум — барои Есарэло, писаронаш ва бародаронаш, дувоздаҳ нафар;
[15] Ҳаштум — барои Ешаъёҳу, писаронаш ва бародаронаш, дувоздаҳ нафар;
[16] Нӯҳум — барои Маттаньёҳу, писаронаш ва бародаронаш, дувоздаҳ нафар;
[17] Даҳум — барои Шимъӣ, писаронаш ва бародаронаш, дувоздаҳ нафар;
[18] Ёздаҳум — барои Азаръил, писаронаш ва бародаронаш, дувоздаҳ нафар;
[19] Дувоздаҳум — барои Ҳашабьё, писаронаш ва бародаронаш, дувоздаҳ нафар;
[20] Сездаҳум — барои Шубоил, писаронаш ва бародаронаш, дувоздаҳ нафар;
[21] Чордаҳум — барои Маттитьёҳу, писаронаш ва бародаронаш, дувоздаҳ нафар;
[22] Понздаҳум — барои Еримӯт, писаронаш ва бародаронаш, дувоздаҳ нафар;
[23] Шонздаҳум — барои Ҳананьёҳу, писаронаш ва бародаронаш, дувоздаҳ нафар;
[24] Ҳафдаҳум — барои Ёшебқошо, писаронаш ва бародаронаш, дувоздаҳ нафар;
[25] Ҳаждаҳум — барои Ҳанонӣ, писаронаш ва бародаронаш, дувоздаҳ нафар;
[26] Нуздаҳум — барои Маллӯтӣ, писаронаш ва бародаронаш, дувоздаҳ нафар;
[27] Бистум — барои Элиёто, писаронаш ва бародаронаш, дувоздаҳ нафар;
[28] Бисту якум — барои Ҳӯтир, писаронаш ва бародаронаш, дувоздаҳ нафар;

29 Бисту дуюм — барои Ҷиддалтӣ, писаронаш ва бародаронаш, дувоздаҳ нафар;
30 Бисту сеюм — барои Маҳазиӯт, писаронаш ва бародаронаш, дувоздаҳ нафар;
31 Бисту чорум — барои Рӯмамтӣ-Озар, писаронаш ва бародаронаш, дувоздаҳ нафар.

## Тақсимоти дарбонон.

**26** 1 Ин аст тақсимоти дарбонон: аз қӯрахиён — Машоламьёҳу
ибни Қӯрӣ, аз писарони Ософ.
2 Ва писарони Машоламьёҳу: Закарьёҳу — нахустзода, Едиаил —
дуюм, Забадьёҳу — сеюм, Ятниил — чорум;+
3 Элом — панҷум, Еҳӯҳонон — шашум, Эльеҳӯэнай — ҳафтум.
4 Ва писарони Убайд-Адӯм: Шамаъё — нахустзода, Еҳӯзобод —
дуюм, Юоҳ — сеюм, Сокор — чорум, Натанъил — панҷум;+
5 Аммиил — шашум, Иссокор — ҳафтум, Фауллотӣ — ҳаштум, зеро
ки Худо ӯро баракат дода буд+.
6 Ва барои писараш Шамаъё писарон таваллуд ёфтанд, ки дар
хонадони падарашон сардорӣ мекарданд, чунки ҷанговарони далер
буданд.
7 Писарони Шамаъё: Отнӣ, Рафоил, Убайд ва Элзобод, бародарони
далери ӯ: Элиёҳу ва Самакьёҳу.
8 Ҳамаи онҳо аз писарони Убайд-Адӯм буданд, ки худашон ва
писаронашон ва бародаронашон дар хизмат мардони далер буданд;
ин одамони Убайд-Адӯм шасту ду нафар буданд+.
9 Ва Машоламьёҳу ҳаждаҳ нафар писарон ва бародарони далер
дошт.
10 Ва Ҳӯсо, ки аз писарони Марорӣ буд, писарон дошт: Шимрӣ —
сардорашон, агарчи нахустзода набуд, вале падараш ӯро сардор
таъин карда буд;
11 Ҳилқиёҳу — дуюм, Табальёҳу — сеюм, Закарьёҳу — чорум; хамаи
писарон ва бародарони Ҳӯсо сездаҳ нафар буданд.
12 Ҳамин аст тақсимоти дарбонон дар миёни сардорони
хонаводаҳо, ки навбатҳошон, дар баробари бародарҳои онҳо, барои
хизмат кардан дар хонаи Худованд таъин шуда буд.
13 Ва онҳо, ҳам хурдашон ва ҳам калонашон, бар ҳасби
хонаводаҳои худ барои ҳар дарвоза қуръа партофтанд+.
14 Ва қуръаи дарвозаи шарқӣ ба Шаламьёҳу афтод; ва ҳангоме ки
барои писараш Закарьёҳу, ки машваратчии хирадманд буд, қуръа
партофтанд, қуръаи ӯ ба дарвозаи шимолӣ баромад;
15 Барои Убайд-Адӯм — дарвозаи ҷанубӣ, ва барои писаронаш —
байтулмол;+

16 Барои Шиффим ва Ҳӯсо — самти ғарбӣ, назди дарвозаи
Шаллокат, ки дар он ҷо пайроҳа ба фароз мерафт, ва ҷои як
навбатдорӣ дар рӯ ба рӯи навбатдории дигар буд.
17 Ба тарафи шарқӣ шаш нафар левизодагон буданд, ба тарафи
шимолӣ — ҳар рӯз чор нафар, ба тарафи ҷанубӣ — ҳар рӯз чор нафар,
ва назди байтулмол — дунафарӣ;
18 Назди айвони ҷониби ғарб: дар сари пайроҳа — чор нафар, назди
айвон — ду нафар.
19 Ҳамин аст тақсимоти дарбононе ки аз писарони Қӯраҳ ва аз
писарони Марорӣ буданд.

## Левизодагоне ки назди хазоин таъин шуда буданд.

20 Ва левизодагони дигар, яъне бародарони онҳо, бар хазоини
хонаи Худо ва бар хазоини қурбониҳои муқаддас таъин шуда буданд:
21 Писарони Лаъдон, яъне писарони Ҷершӯн аз камари Лаъдон, ки
сардорони хонаводаи Лаъдони ҷершӯнӣ буданд, — Яҳиилӣ;+
22 Писарони Яҳиилӣ: Зетом ва бародараш Юил бар хазоини хонаи
Худованд буданд;
23 Аз амромиён, йисҳориён, ҳебрӯниён, оззилиён:
24 Шабуил ибни Ҷершӯн ибни Мусо нозири хазоин буд;+
25 Ва бародарони ӯ аз камари Элиозар: писараш Раҳабьёҳу,
писараш Ешаъёҳу, писараш Йӯром, писараш Зикрӣ ва писараш
Шалӯмит буданд,+
26 Ки ин Шалӯмит ва бародаронаш бар тамоми хазоини
қурбониҳои муқаддас мутасаддӣ буданд, ки онро подшоҳ Довуд вақф
карда буд, ва низ сардорони хонаводаҳо ва мириҳазорҳо ва
мирисадҳо ва сарлашкарҳо+
27 Аз ҷангҳо ва аз ғаниматҳо вақф карда буданд, то ки хонаи
Худовандро тақвият намоянд;
28 Ва ҳар он чи Самуили басир, ва Шоул ибни Қиш, ва Абнир ибни
Нир, ва Юоб ибни Саруё вақф карда буданд, — ҳар вақфкунанда
вақфашро ба дасти Шалӯмит ва бародаронаш месупурд.

## Нозирон ва доварон.

29 Аз йисҳориён: Кананьёҳу ва писаронаш бар кори берунии
исроилиён ҳамчун нозирон ва доварон таъин шуда буданд+.

30 Аз ҳебрӯниён: Ҳашабьёҳу ва бародаронаш, ҳазору ҳафтсад нафар мардони далер, дар ин тарафи Урдун, ба самти ғарбӣ, барои назорат кардан бар Исроил аз ҷиҳати ҳар хизмати Худованд ва аз ҷиҳати хизмати подшоҳ, таъин шуда буданд+.
31 Аз ҳебрӯниён, бар ҳасби насабномаи хонаводаҳошон, Ериё сардори ҳебрӯниён буд; дар соли чилуми подшоҳии Довуд онҳо тафтиш карда шуданд, ва дар миёни онҳо мардони далер дар Яъзир-Ҷилъод ёфт шуданд+.
32 Ва бародарони вай, ду ҳазору ҳафтсад нафар мардони далер, сардорони хонаводаҳо буданд, ва онҳоро подшоҳ Довуд бар реубениён ва ҷодиён ва нисфи сибти Менашше аз ҷиҳати ҳар хизмати Худо ва хизмати подшоҳ таъин намуд.

## Тақсимоти сардорони лашкар ва дигар нозирон барои хизмати моҳ ба моҳ.

27 1 •Ва банӣ-Исроил, бар ҳасби шумораи онҳо, яъне сардорони
хонаводаҳо ва мириҳазорҳо ва мирисадҳо ва нозирони онҳо,
дар ҳар кори гурӯҳҳое ки моҳ ба моҳ меомаданд ва мерафтанд, дар
ҳамаи моҳҳои сол ба подшоҳ хизмат мекарданд; дар ҳар гурӯҳ бисту
чор ҳазор нафар буданд.
2 Бар гурӯҳи якум барои моҳи якум Ёшобъом ибни Забдиил буд,
ва дар гурӯҳи ӯ бисту чор ҳазор нафар буданд;
3 Ӯ, аз писарони Форас, бар ҳамаи сарлашкарҳо дар моҳи якум
сардор буд+.
4 Ва бар гурӯҳи моҳи дуюм Дӯдаи аҳӯҳӣ буд, ва дар гурӯҳи ӯ
Миқлӯти сарвар низ буд; ва дар гурӯҳи ӯ бисту чор ҳазор нафар
буданд.
5 Сарлашкари сеюм барои моҳи сеюм Баноёҳу ибни Еҳӯёдои
саркоҳин буд, ва дар гурӯҳи ӯ бисту чор ҳазор нафар буданд+.
6 Ин ҳамон Баноёҳу буд, ки ҷасуртарини он сӣ нафар ва сардор
бар он сӣ нафар буд, ва дар гурӯҳи ӯ писараш Аммизобод буд.
7 Сарлашкари чорум барои моҳи чорум Асоил бародари Юоб ва
баъд аз ӯ писараш Забадьё буд, ва дар гурӯҳи ӯ бисту чор ҳазор нафар
буданд+.
8 Сарлашкари панҷум барои моҳи панҷум Шамҳути йизроҳӣ буд,
ва дар гурӯҳи ӯ бисту чор ҳазор нафар буданд.
9 Сарлашкари шашум барои моҳи шашум Иро ибни Иққиши тақӯӣ
буд, ва дар гурӯҳи ӯ бисту чор ҳазор нафар буданд.
10 Сарлашкари ҳафтум барои моҳи ҳафтум Ҳиласи фалунӣ аз
писарони Эфроим буд, ва дар гурӯҳи ӯ бисту ҷор ҳазор нафар буданд.
11 Сарлашкари ҳаштум барои моҳи ҳаштум Сибкаи хушотӣ аз
зораҳиён буд, ва дар гурӯҳи ӯ бисту чор ҳазор нафар буданд+.
12 Сарлашкари нӯҳум барои моҳи нӯҳум Абиозари анотӯтӣ аз
биньёминиён буд, ва дар гурӯҳи ӯ бисту чор ҳазор нафар буданд.
13 Сарлашкари даҳум барои моҳи даҳум Маҳраи натӯфотӣ аз
зораҳиён буд, ва дар гурӯҳи ӯ бисту чор ҳазор нафар буданд.

14 Сарлашкари ёздаҳум барои моҳи ёздаҳум Баноёи фиръотунӣ аз
писарони Эфроим буд, ва дар гурӯҳи ӯ бисту чор ҳазор нафар буданд.
15 Сарлашкари дувоздаҳум барои моҳи дувоздаҳум Ҳолдаи
натӯфотӣ аз писарони Отниил буд, ва дар гурӯҳи ӯ бисту чор ҳазор
нафар буданд+.

## Сардорони дувоздаҳ сибт.

16 Ва бар сибтҳои Исроил: раиси Реубен — Элиозар ибни Зикрӣ;
раиси Шимъӯн — Шафатьёҳу ибни Маако;
17 Раиси Левӣ — Ҳашабьё ибни Қамуил; раиси Ҳорун — Содӯқ;+
18 Раиси Яҳудо — Элиҳу аз бародарони Довуд; раиси Иссокор —
Омрӣ ибни Микоил;
19 Раиси Забулун — Йишмаъёҳу ибни Убадьёҳу; раиси Нафтолӣ —
Еримӯт ибни Азриил;
20 Раиси банӣ-Эфроим — Ҳӯшаъ ибни Азазьёҳу; раиси нисфи сибти
Менашше — Юил ибни Фадоёҳу;
21 Раиси нисфи Менашше дар Ҷилъод — Йиддӯ ибни Закарьёҳу;
раиси Биньёмин — Ясиил ибни Абнир;
22 Раиси Дон — Азаръил ибни Ерӯҳом. Инҳо сарварони сибтҳои
Исроил буданд.
23 Вале Довуд касонеро, ки бистсола ва камтар буданд, саршуморӣ
накард, зеро Худованд гуфта буд, ки Исроилро мисли ситораҳои
осмон сершумор мегардонад+.
24 Юоб ибни Саруё ба саршуморӣ сар кард, вале ба анҷом
нарасонид, ва ба ин муносибат ғазабе бар Исроил ба амал омад; ва он
саршуморӣ ба китоби вақоеъномаи подшоҳ Довуд дохил нашуд+.
25 Ва бар хазоини подшоҳ Азмавт ибни Адиил буд; ва бар анборҳое
ки дар саҳро, дар шаҳрҳо ва дар деҳот ва дар қалъаҳо буд, — Йӯнотон
ибни Уззиёҳу;

## Мансабдорони дигар, ки Довуд баргумошта буд.

26 Ва бар коркунони саҳро, ки заминро кор мекарданд, — Эзрӣ
ибни Калуб;
27 Ва бар токзорҳо — Шимъии ромотӣ; ва бар анборҳои шароб ки
дар токзорҳо буд — Забдии шифмӣ;

28 Ва бар дарахтони зайтун ва тут-анҷир, ки дар пастӣ буд, — Баал-
Ҳонони ҷадирӣ; ва бар анборҳои равған — Юош;
29 Ва бар говҳое ки дар Шорӯн мечарид, — Ширтаи шорӯнӣ; ва бар
говҳое ки дар водиҳо буд, — Шофот ибни Адлой;
30 Ва бар шутурҳо — Убили исмоилӣ; ва бар модахарҳо — Еҳдиёҳуи
мирӯнутӣ;
31 Ва бар бузу гӯсфандон — Ёзизи ҳаҷрӣ. Ҳамаи инҳо сардорони
молу мулк буданд, ки подшоҳ Довуд баргумошта буд+.
32 Ва Йӯнотон, амаки Довуд, машваратчӣ, марди оқил ва котиб
буд; ва Яҳиил ибни Ҳакмӯнӣ назди писарони Довуд буд.
33 Ва Аҳитӯфал машваратчии подшоҳ, ва Ҳушаи аркӣ дӯсти
подшоҳ буд;+
34 Ва баъд аз Аҳитӯфал Еҳӯёдоъ ибни Баноёҳу ва Абьётор буданд;
ва сарлашкари подшоҳ Юоб буд+.

## Подшоҳ Довуд дар маҷлиси ботантанаи ҳамаи сардорон иродаи худро эълон мекунад.

**28** 1 Ва Довуд ҳамаи сарварони Исроил, сарварони сибтҳо ва
сарварони гурӯҳҳоро, ки ба подшоҳ хизмат мекарданд, ва
мириҳазорҳо ва мирисадҳо ва сардорони тамоми молу мулк ва
чорвои подшоҳ ва писаронашро бо хоҷасароён ва паҳлавонон ва
ҳамаи мардони ҷангӣ дар Ерусалим ҷамъ кард+.
2 Ва подшоҳ Довуд бар поҳояш бархоста, гуфт: «Маро бишнавед, эй
бародарони ман ва қавми ман! Муроди дили ман ин буд, ки хонаи
оромгоҳе барои сандуқи аҳди Худованд ва барои кадамгоҳи Худои
мо бино кунам, ва барои бино кардани он тайёрӣ дидам+.
3 Вале Худо ба ман гуфт: „Ту хонае ба исми Ман бино накун, зеро
ки ту марди ҷангӣ ҳастӣ, ва хун рехтаӣ“+.
4 Ва Худованд Худои Исроил маро аз тамоми хонадони падарам
интихоб кард, то ки бар Исроил ба сурати абадӣ подшоҳ бошам, зеро
ки Ӯ Яҳудоро ҳамчун раис баргузид, ва аз хонадони Яҳудо —
хонадони падари маро, ва аз писарони падарам — ба ман таваҷҷӯҳ
намуд, то ки бар тамоми Исроил подшоҳ гардонад+.
5 Ва аз ҳамаи писаронам, — зеро ки Худованд ба ман писарони
бисьёре додааст, — Ӯ писарам Сулаймонро интихоб кард, то ки вай
бар тамоми салтанати Худованд бар Исроил биншинад+.
6 Ва Ӯ ба ман гуфт: „Писари ту, Сулаймон, ҳамон аст, ки хонаи
Маро, ва саҳнҳои Маро бино хоҳад кард, зеро ки Ман варо
баргузидаам, то ки барои Ман писар бошад, ва Ман барои вай падар
хоҳам буд,+
7 Ва салтанати варо то абад пойдор хоҳам гардонид, ба шарте ки
дар иҷрои аҳком ва дастурҳои Ман мисли имрӯз устувор бошад“.
8 Ва алҳол, дар пеши назари тамоми Исроил, ки ҷамоати Худованд
ҳастанд, ва ба самъи Худои мо мегӯям: тамоми аҳкоми Худованд
Худои худро ба ҷо оваред ва ҷӯё бошед, то ки ин замини хубро
тасарруф намоед ва баъд аз худ онро ба писарони худ то абад мерос
бигузоред.
9 Ва ту, эй писарам Сулаймон, Худои падари худро бишнос, ва Ӯро
бо дили комил ва бо ҷони иштиёқманд ибодат намо, зеро ки
Худованд ҳамаи дилҳоро имтиҳон мекунад, ва ҳар андеша ва фикрро

мефаҳмад. Агар Ӯро ҷӯё бошӣ, Ӯ барои ту ёфт хоҳад шуд, вале агар
Ӯро тарк намоӣ, Ӯ туро то абад тарк хоҳад кард+.
[10] Алҳол диққат намо, зеро ки Худованд туро баргузидааст, то ки
хонае барои қудс бино намоӣ, пас қавӣ бош ва амал намо».
[11] Ва Довуд ба писараш Сулаймон нақшаи равоқ, ва хонаҳои он, ва
анборҳои он, ва болохонаҳои он, ва ҳуҷраҳои дохилии он, ва хонаи
ҳарамро дод,
[12] Ва нақшаи ҳар он чиро, ки аз ҷониби Рӯҳ ба ӯ ато шуда буд, —
барои саҳнҳои хонаи Худованд, ва барои ӯтоқҳои гирдогирди он, ва
барои хазоини хонаи Худо, ва барои хазоини қурбониҳои муқаддас,
[13] Ва барои гурӯҳҳои коҳинон ва левизодагон, ва барои тамоми
кори хизматгузории хонаи Худованд, ва барои тамоми колои
хизмати хонаи Худованд+.
[14] Ва тиллоро бо вазни тилло барои тамоми колои ҳар навъ
хизмат дод; ва нуқраро барои тамоми колои нуқра бо вазни он барои
тамоми колои ҳар навъ хизмат;
[15] Ва тиллоро бо вазни он барои чароғдонҳо ва чароғҳои онҳо, бо
вазни он барои ҳар чароғдон ва чароғҳояш; ва нуқраро бо вазни он
барои чароғдонҳои нуқра, барои ҳар чароғдон ва чароғҳояш,
мувофиқи кори ҳар чароғдон;
[16] Ва тиллоро бо вазни он барои мизҳои нони тақдим, барои ҳар
миз; ва нуқраро барои мизҳои нуқра;
[17] Ва тиллои ҳолисро барои чанголҳо ва косаҳо ва пиёлаҳо; ва
барои тосҳои тилло бо вазни он барои ҳар тос; ва нуқраро барои
тосҳои нуқра бо вазни он барои ҳар тос;
[18] Ва тиллои софро бо вазни он барои қурбонгоҳи бухур; ва барои
нақшаи ароба, яъне каррубиёни тиллое ки болҳошонро паҳн карда,
болои сандуқи аҳди Худовандро мепӯшонанд+.
[19] Ҳамаи ин ба таври хаттист, ки аз ҷониби Худованд бар ман
нозил шуда, ҳамаи корҳои ин нақшаро ба ман фаҳмонидааст+.

## Довуд сохтмони маъбадро ба Сулаймон месупорад.

[20] Ва Довуд ба писараш Сулаймон гуфт: «Қавӣ ва далер бош ва
амал намо, натарс ва ҳаросон нашав, зеро ки Худованд Худо, Худои
ман, бо туст, ва то тамоми коре ки барои хизмати хонаи Худованд

лозим аст, ба анҷом нарасад, Ӯ аз ту дур нахоҳад шуд ва туро тарк нахоҳад кард+.

21 Ва инак гурӯҳҳои коҳинон ва левизодагон барои хизмати хонаи Худо; ва ҳар валинеъмате ки ҳикматашро ба ҳар амал мебахшад, дар тамоми ин кор бо туст, ва сарварон ва тамоми қавм ба ҳар амри ту итоат хоҳанд кард».

## Довуд ба тамоми қавм мурочиат намуда, насиҳат медиҳад.

**29** [1] Ва подшоҳ Довуд ба тамоми ҷамоат гуфт: «Писарам
Сулаймон, ки Худо ӯро ба танҳоӣ баргузидааст, ҷавон ва нозук
аст, вале ин кор бузург аст, зеро ки ин калъа на аз барои одамизод
аст, балки барои Худованд Худо+.
[2] Ва ман бо тамоми қувватам барои хонаи Худои худ тайёр
кардаам: тиллоро барои ашьёи тиллоӣ, ва нуқраро барои ашьёи
нуқрагин, ва мисро барои ашьёи мисин, ва оҳанро барои ашьёи
оҳанин, ва чӯбро барои ашьёи чӯбин; сангҳои ҷазъ ва сангҳои тарсеъ,
сангҳои сурмафом ва рангоранг, ва ҳар навъ сангҳои гаронбаҳо, ва
бисьёр сангҳои мармар.
[3] Ва боз, ба сабаби муҳаббати худ ба хонаи Худои худ, ганҷинаи
тилло ва нуқрае ки ман дорам, онро низ илова бар ҳар чизе ки барои
хонаи қудс тайёр кардаам, ман барои хонаи Худои худ медиҳам:
[4] Се ҳазор киккар тилло аз тиллои Ӯфир, ва ҳафт ҳазор киккар
нуқраи соф, барои рӯйбаст кардани деворҳои хонаҳо;+
[5] Тиллоро барои ашьёи тиллоӣ, ва нуқраро барои ашьёи нуқрагин,
барои ҳар коре ки бо дасти ҳунармандон ба ҷо оварда мешавад. Пас
кист, ки имрӯз ба таври ихтиёрӣ барои Худованд ионат диҳад?»+

## Сардорон ва қавм ба таври ихтиёрӣ ионат медиҳанд.

[6] Ва сардорони хонаводаҳо, ва сарварони сибтҳои Исроил, ва
мириҳазорҳо ва мирисадҳо, ва сардорони корҳои подшоҳ ба таври
ихтиёрӣ ба додани ионат шурӯъ карданд.
[7] Ва барои хизмати хонаи Худо панҷ ҳазор киккар ва даҳ ҳазор
дирҳам тилло, ва даҳ ҳазор киккар нуқра, ва ҳаждаҳ ҳазор киккар
мис, ва сад ҳазор киккар оҳан доданд.
[8] Ва онҳое ки дар дасташон сангҳои гаронбаҳо ёфт шуд, онҳоро
барои хазоини хонаи Худованд ба дасти Яҳиили ҷершӯнӣ
супурданд+.
[9] Ва қавм аз ионатҳои ихтиёрии худ шод гардиданд, зеро ки бо
дили комил барои Худованд ионат доданд, ва подшоҳ Довуд низ
бағоят шод шуд+.

## Довуд Худовандро муборак мехонад ва шукрона мегӯяд.

10 Ва Довуд Худовандро пеши тамоми ҷамоат муборак хонд, ва
Довуд гуфт: «Эй Худованд Худои падари мо Исроил! Ту аз азал то
абад муборак ҳастӣ.
11 Худовандо! Кибриё ва зӯрмандӣ ва шукӯҳ ва нусрат ва шавкат аз
они Туст, зеро ки ҳар он чи дар осмон ва замин аст, аз они Туст.
Худовандо! Салтанат аз они Туст, ва ту бар сари ҳама мутаол ҳастӣ+.
12 Ва сарват ва ҷалол аз ҷониби Туст, ва Ту бар ҳама ҳоким ҳастӣ,
ва қувват ва қудрат дар дасти Туст, ва ихтиёри бузург ва мустаҳкам
кардани ҳама дар дасти Туст+.
13 Ва алҳол, эй Худои мо, мо Туро ҳамд мегӯем, ва исми
пуршукӯҳи Туро ситоиш мекунем.
14 Аммо ман кистам ва қавми ман чистанд, ки қувват дошта бошем
чунин ионат диҳем? Зеро ки ҳама чиз аз ҷониби Туст, ва он чиро, ки
аз дасти Ту гирифтаем, ба ту додаем.
15 Зеро ки мо ба ҳузури Ту ғариб ҳастем, ва мисли ҳамаи падарони
худ меҳмон мебошем: айёми мо бар замин мисли соя аст, ва бақо
надорад+.
16 Эй Худованд Худои мо! Тамоми ин сарват, ки барои сохтани
хонае ба исми қудси Ту муҳайё кардаем, аз дасти Туст, ва ҳамаи он аз
они Туст+.
17 Ва ман, эй Худои ман, медонам, ки Ту дилҳоро имтиҳон мекунӣ,
ва ба росткорӣ таваҷҷӯҳ менамоӣ; ман аз ростии дили худ тамоми
ин ионатро додаам, ва алҳол мебинам, ки қавми Ту низ, ки дар ин ҷо
мебошанд, бо шодмонӣ барои Ту ионат медиҳанд+.
18 Эй Худованд Худои Иброҳим, Исҳоқ ва Исроил! Инро ба сурати
абадӣ дар фикру андешаҳои дили қавми Худ нигоҳ дор, ва дилҳои
онҳоро ба сӯи Худ равона намо.
19 Ва ба писарам Сулаймон дили комил бибахш, то ки аҳкоми Ту,
шаҳодоти Ту ва фароизи Туро риоя намояд, ва ҳамаи инро ба амал
оварад, ва қалъаеро, ки ман барояш тайёрӣ дидаам, бино кунад»+.
20 Ва Довуд ба тамоми ҷамоат гуфт: «Худованд Худои худро
муборак хонед!» Ва тамоми ҷамоат Худованд Худои падарони худро
муборак хонданд, ва ба Худованд ва ба подшоҳ таъзим карданд ва
саҷда бурданд.

21 Ва барои Худованд қурбониҳо забҳ карданд, ва фардои он рӯз
барои Худованд қурбониҳои сӯхтанӣ тақдим карданд: ҳазор сар гов,
ҳазор сар қӯчқор, ҳазор сар гӯсфанд бо ҳадияҳои рехтании онҳо, ва
қурбониҳои зиёде барои тамоми Исроил.
22 Ва дар он рӯз ба ҳузури Худованд бо шодмонии бузурге хӯрданд
ва нӯшиданд; ва Сулаймон ибни Довудро дуюмбора подшоҳ сохта, ба
ҳузури Худованд ӯро ба раисӣ, ва Содӯқро ба коҳинӣ тадҳин
карданд+.

## Подшоҳ шудани Сулаймон. Фавти подшоҳ Довуд.

23 Ва Сулаймон бар тахти Худованд нишаста, ба ҷои падараш
Довуд подшоҳӣ кард, ва комьёб гардид; ва тамоми Исроил ба ӯ итоат
карданд+.
24 Ва ҳамаи сардорон ва паҳлавонон, ва ҳамаи писарони подшоҳ
Довуд низ ба подшоҳ Сулаймон тобеъ шуданд.
25 Ва Худованд Сулаймонро бузург гардонида, дар назари тамоми
Исроил баланд бардошт, ва шукӯҳи салтанатро ба ӯ ато фармуд, ки
ҳеҷ подшоҳи Исроил пеш аз ӯ ба он ноил нагардида буд+.
26 Ва Довуд ибни Йисой бар тамоми Исроил подшоҳӣ кард.
27 Ва айёми подшоҳии ӯ бар Исроил чил сол буд: дар Ҳебрӯн ҳафт
сол подшоҳӣ кард, ва дар Ерусалим сию се сол подшоҳӣ кард+.
28 Ва ӯ дар пирии некӯ, аз умр ва сарват ва ҷалол сер гардида, фавт
кард; ва писараш Сулаймон ба ҷои ӯ подшоҳ шуд.
29 Ва саргузашти подшоҳ Довуд, аз аввали умраш то охири он, дар
навиштаҷоти Самуили басир, ва дар навиштаҷоти Нотони набӣ, ва
дар навиштаҷоти Ҷоди пешбин тасвир ёфтааст, —+
30 Бо тамоми салтанати ӯ ва зӯрмандии ӯ, ва бо воқеаҳое ки ба ӯ,
ва ба Исроил, ва ба ҳамаи салтанатҳои кишварҳо рӯй додааст.

---

● *1:1 Ҳас. 5, Ҳас. 10, Ҳас. 11:10-26*

\+ 1:27 Ҳас. 17:5, Луқ. 3:34-36

● 1:28 *Ҳас. 25:1-4, Ҳас. 25:12-16, Ҳас. 36:1-19*

\+ 1:28 Ҳас. 16:15-16, Ҳас. 21:2-3

\+ 1:34 Ҳас. 25:25-26, Ҳас. 32:28

● 1:38 *Ҳас. 36:20-30*

● 1:43 *Ҳас. 36:31-39*

\+ 1:44 Иш. 34:6, Иш. 63:1

\+ 1:45 Ҳас. 36:15, Айюб 2:11, Ҳиз. 25:13

\+ 1:51 Ҳас. 36:40-43

\+ 2:1 Ҳас. 29:32-35, Ҳас. 30:6-20, Ҳур. 1:1-4

\+ 2:3 Ҳас. 38, Ҳас. 46:12, Ад. 26:19-20

\+ 2:4 Рут 4:12, Мат. 1:3

\+ 2:5 Рут 4:18

\+ 2:6 3 Подш. 4:31, Заб. 88:1

\+ 2:7 Ех. 7:1, Ех. 7:25

● 2:9 *Рут 4:18-22, Мат. 1:3-6*

+ 2:10 Ад. 1:7, Ад. 2:3

+ 2:13 1 Подш. 16:6-9, 1 Подш. 17:13, 1 Вақ. 20:7

+ 2:16 2 Подш. 2:18

+ 2:17 2 Подш. 19:13, 2 Подш. 20:9-10, 2 Подш. 17:25

+ 2:20 Хур. 31:2

+ 2:21 Ад. 26:29, Ад. 32:39

+ 2:22 Ад. 32:41

+ 2:23 Еҳ. 13:13, Еҳ. 13:30

+ 2:24 2 Подш. 14:2, 1 Вақ. 4:5

+ 2:25 1 Вақ. 2:9

+ 2:49 Еҳ. 15:31, Еҳ. 15:17

+ 2:50 1 Вақ. 2:19

+ 2:53 1 Вақ. 4:2

+ 2:55 4 Подш. 10:15, Ирм. 35:2, Ирм. 35:8, Ад. 24:21, Дов. 1:16

● 3:1 *2 Подш. 3:1-5, 2 Подш. 5:14-16*

+ 3:1 1 Подш. 25:43, 2 Подш. 13:1

+ 3:2 2 Подш. 13:37, 2 Подш. 15:10, 3 Подш. 1:5-6

+ 3:4 2 Подш. 2:11, 2 Подш. 5:4-5

+ 3:5 1 Вақ. 14:4-7, 2 Подш. 11:3

+ 3:9 2 Подш. 13:1

+ 3:10 2 Вақ. 9:31, 2 Вақ. 13:1, 2 Вақ. 14:1, 2 Вақ. 17:1

+ 3:11 2 Вақ. 21:1, 2 Вақ. 22:1, 2 Вақ. 24:1

+ 3:12 2 Вақ. 25:1, 4 Подш. 15:1, 2 Вақ. 26:1, 2 Вақ. 27:1

+ 3:13 2 Вақ. 28:1, 2 Вақ. 29:1, 2 Вақ. 33:1

+ 3:14 2 Вақ. 33:21, 2 Вақ. 34:1

+ 3:15 2 Вақ. 36:11, 2 Вақ. 36:1, Ирм. 22:11

+ 3:16 4 Подш. 24:8-15, 2 Вақ. 36:9-10

+ 3:19 Эзр. 2:2, Эзр. 3:2, Наҳ. 12:1, Ҳаҷ. 1:1, Ҳаҷ. 2:20-23, Зак. 4:6-10

+ 3:22 Наҳ. 3:29, Эзр. 8:2

+ 4:1 Ҳас. 46:12, 1 Вақ. 2:4-7

+ 4:2 1 Вақ. 2:53

+ 4:4 1 Вақ. 2:50-51

+ 4:5 1 Вақ. 2:24

+ 4:13 Ех. 15:17, Дов. 1:13, Дов. 3:9

+ 4:15 Ад. 13:5, Ад. 13:30

+ 4:21 Ҳас. 38:5, Ад. 26:20

+ 4:24 Ад. 26:12-14

+ 4:28 Ех. 19:1-9

+ 4:41 2 Вак. 29:1, 2 Вак. 20:1, 2 Вак. 26:7

+ 4:42 Ҳас. 36:8

+ 4:43 1 Подш. 15:8, 1 Подш. 30:17

+ 5:1 Ҳас. 29:32, Ҳас. 35:22, Ҳас. 49:3-4, Ҳас. 48:15-22

+ 5:2 Ҳас. 49:8-10, Мик. 5:2

+ 5:3 Ҳас. 46:9, Хур. 6:14, Ад. 26:5-6

+ 5:6 2 Вак. 28:20

+ 5:7 Ад. 32:38

+ 5:9 Ех. 22:9

+ 5:10 1 Вақ. 5:19, 1 Вақ. 27:31, Заб. 82:7

+ 5:11 Так. Шар. 3:10, Ех. 12:5, Ех. 13:11

+ 5:16 Сур. Сур. 2:1, Аъм. 9:35

+ 5:17 2 Вак. 27:1, 4 Подш. 14:23

+ 5:22 4 Подш. 15:29, 4 Подш. 17:6

+ 5:23 Так. Шар. 3:9, Сур. Сур. 4:8, Ҳиз. 27:5

+ 5:26 4 Подш. 15:19, 4 Подш. 15:29, 4 Подш. 17:6, 4 Подш. 18:11

● 6:1 *Эзр. 7:1-5*

+ 6:1 Ҳас. 46:11, Хур. 6:16, Ад. 26:57

+ 6:2 Хур. 6:18

+ 6:3 Ад. 26:59, Иб. 10:1, Иб. 10:12

+ 6:4 Ад. 25:7

+ 6:8 2 Подш. 8:17, 3 Подш. 2:35

+ 6:9 3 Подш. 4:2

+ 6:12 1 Вақ. 9:11, Наҳ. 11:11

+ 6:14 4 Подш. 25:18, Эзр. 7:1, Ирм. 52:24

+ 6:15 2 Вак. 36:20

+ 6:16 Ҳас. 46:11, Хур. 6:16, Ад. 26:57

+ 6:18 Хур. 6:18

+ 6:19 Хур. 6:19, 1 Вақ. 23:21

+ 6:23 Хур. 6:24

+ 6:31 1 Вақ. 16:1-6

+ 6:32 2 Вақ. 5:2

+ 6:33 1 Вақ. 15:17, 1 Вақ. 25:1

+ 6:39 1 Вақ. 15:17, 1 Вақ. 25:1, 2 Вақ. 5:12

+ 6:44 1 Вақ. 15:17, 1 Вақ. 25:1, 2 Вақ. 5:12

+ 6:49 Хур. 30:7, Иб. 1:7, Иб. 4:20

+ 6:50 1 Вақ. 6:4-8

● 6:54 *Ад. 35:1-8, Еҳ. 21:1-42*

+ 6:54 Хур. 6:16-19, Ад. 3:17-20

+ 6:56 Еҳ. 14:13

+ 7:1 Ҳас. 46:13, Ад. 26:23

+ 7:5 Ад. 1:29

+ 7:6 Ҳас. 46:21, Ад. 26:38, 1 Вақ. 8:1-5

+ 7:13 Ҳас. 46:24-25, Ад. 26:48-49, Ҳас. 30:7-8

+ 7:14 Ад. 26:31, Ҳас. 50:23, Ад. 32:39

+ 7:15 Ад. 26:33, Ад. 27:1

+ 7:19 Ад. 26:32, Еҳ. 17:2

+ 7:20 Ад. 26:35-37

+ 7:24 Еҳ. 16:3, Еҳ. 16:5

+ 7:26 Ад. 1:10, Ад. 7:48

+ 7:27 Ад. 13:8, Ад. 13:16

+ 7:29 Еҳ. 17:11

+ 7:30 Ҳас. 46:17-18, Ад. 26:44-46

+ 8:2 Ҳас. 46:21, Ад. 26:38-41, 1 Вақ. 7:6-12

+ 8:12 Эзр. 2:33

● 8:29 *1 Вақ. 9:35-44*

+ 8:33 1 Подш. 9:1, 1 Подш. 14:51, 1 Подш. 14:49, 1 Подш. 31:2, 1 Вақ. 10:2

+ 8:34 1 Подш. 14:49, 1 Подш. 31:2, 1 Вақ. 9:40, 1 Вақ. 10:2, 2 Подш. 9:12

● 9:1 *Наҳ. 11:1-22*

+ 9:1 2 Вак. 36:20

+ 9:2 Эзр. 2:70, Наҳ. 7:73

+ 9:4 1 Вақ. 2:5-6, Ҳас. 38:29, Ҳас. 38:5, Ҳас. 38:30

+ 9:17 Эзр. 2:42, Наҳ. 7:45

+ 9:20 Ад. 25:7-13

+ 9:21 1 Вақ. 26:2

+ 9:22 2 Вак. 8:14

+ 9:25 4 Подш. 11:5

+ 9:27 Ад. 1:53

+ 9:30 Хур. 30:23-25

+ 9:32 Иб. 24:5-9

+ 9:33 Наҳ. 10:39, Заб. 133:1

● 9:35 *1 Вақ. 8:29-38*

+ 9:39 1 Подш. 9:1, 1 Подш. 14:51

● 10:1 *1 Подш. 31*

\+ 10:1 1 Подш. 28:4

\+ 10:2 1 Подш. 14:49, 1 Вак. 8:33, 1 Вак. 9:39

\+ 10:4 Дов. 9:54, 2 Подш. 1:10

\+ 10:9 2 Подш. 1:20

\+ 10:10 Дов. 16:23, 1 Подш. 5:2

\+ 10:11 1 Подш. 11:1-11, 2 Подш. 21:10

\+ 10:12 2 Подш. 21:12

\+ 10:13 1 Подш. 13:13, 1 Подш. 15:23, 1 Подш. 28:7

● 11:1 *2 Подш. 5:1-3, 2 Подш. 5:6-10*

\+ 11:2 1 Подш. 18:13, Заб. 77:71

\+ 11:3 1 Подш. 16:13

\+ 11:4 Ех. 15:63, Дов. 1:8, Дов. 1:21

\+ 11:6 2 Подш. 8:16

\+ 11:8 3 Подш. 9:15, 3 Подш. 9:24, 3 Подш. 11:27, 2 Вак. 32:5

+ 11:9 Эст. 9:4

● 11:10 *2 Подш. 23:8-39, 1 Вақ. 27:1-15*

+ 11:15 1 Подш. 22:1, 2 Подш. 5:18

+ 11:18 1 Подш. 7:6

+ 11:20 2 Подш. 2:18

+ 11:22 Ех. 15:21, 2 Подш. 8:18

+ 11:23 1 Подш. 17:50

+ 11:26 2 Подш. 2:18-23

+ 11:41 2 Подш. 11:3-17

+ 12:1 1 Подш. 27:6

+ 12:2 Дов. 3:15, Дов. 20:16

+ 12:8 Так. Шар. 33:20

+ 12:15 Ех. 3:15

+ 12:19 1 Подш. 29:2-9

+ 12:23 1 Подш. 15:28, 1 Подш. 16:13, 1 Подш. 28:17

+ 12:28 2 Подш. 8:17

● 13:1 *2 Подш. 6:1-11*

+ 13:6 Ех. 15:9, Ех. 15:60, 1 Подш. 7:1-2, Хур. 25:22

+ 13:9 Ад. 4:15

+ 13:14 1 Вақ. 26:4-5

● 14:1 *2 Подш. 5:11-16*

+ 14:1 3 Подш. 5:1

+ 14:4 1 Вақ. 3:5-8

● 14:8 *2 Подш. 5:17-25*

+ 14:9 2 Подш. 23:13

+ 14:11 Иш. 28:21

+ 14:15 4 Подш. 7:6

+ 14:17 Хур. 15:14-16, Хур. 23:27, Так. Шар. 2:25

+ 15:4 1 Вақ. 6:16-30

+ 15:11 2 Подш. 20:25

+ 15:13 1 Вақ. 13:7-11

+ 15:15 Хур. 25:14, Ад. 7:9

+ 15:16 2 Вак. 5:12, Заб. 150:3-5

+ 15:17 1 Вак. 6:33, 1 Вак. 6:39, 1 Вак. 6:44

+ 15:19 3 Подш. 4:31, Заб. 88:1

+ 15:24 Ад. 10:8

● 15:25 *2 Подш. 6:12-19*

+ 15:26 Ад. 23:1, Айюб 42:8

+ 15:29 1 Подш. 14:49, 1 Подш. 18:20-28, 1 Подш. 19:11-17, Заб. 150:4

+ 16:1 1 Вак. 15:1

+ 16:4 1 Вак. 6:31

+ 16:5 1 Вак. 6:39

● 16:7 *Заб. 104:1-15, Заб. 95, Заб. 105:1, Заб. 105:47-48*

+ 16:8 Иш. 12:4

+ 16:9 Ирм. 21:2

+ 16:11 Заб. 23:6, Заб. 26:8

+ 16:12 Заб. 76:12-13

+ 16:14 Иш. 26:9

+ 16:15 Так. Шар. 7:9

+ 16:16 Ҳас. 17:2, Ҳас. 26:3

+ 16:18 Ҳас. 35:11-12

+ 16:19 Так. Шар. 7:7, Так. Шар. 26:5

+ 16:21 Ҳас. 12:17, Ҳас. 20:3

+ 16:22 Ҳас. 20:7

+ 16:24 Заб. 9:2

+ 16:25 2 Подш. 22:4, Заб. 17:4, Заб. 144:3, Хур. 18:11

+ 16:26 Иш. 44:24, Ирм. 10:12

+ 16:28 Заб. 28:1

+ 16:31 Иш. 44:23, Иш. 49:13, Заб. 92:1

+ 16:32 Заб. 97:7

+ 16:33 Заб. 9:9

+ 16:34 2 Вак. 5:13, 2 Вак. 20:21, Эзр. 3:11, Заб. 105:1

+ 16:36 Заб. 40:14

+ 16:37 1 Вак. 16:5

+ 16:39 1 Вак. 15:11, 3 Подш. 3:4

+ 16:40 Хур. 29:38

+ 16:41 1 Вак. 6:33

+ 16:42 1 Вак. 25:1, Заб. 38:1

● 16:43 *2 Подш. 6:19*

+ 17:1 2 Подш. 7:1, 2 Подш. 12:1

+ 17:7 1 Подш. 16:11-13, Заб. 77:70

+ 17:8 1 Подш. 18:14

+ 17:9 Дов. 2:14-16, 1 Подш. 12:11

+ 17:11 3 Подш. 2:10

+ 17:12 3 Подш. 8:19

+ 17:13 Заб. 88:27, 2 Қӯр. 6:18, Ибр. 1:5

+ 17:14 Заб. 88:5, Заб. 88:30, Заб. 88:36-37, Заб. 131:12, Юҳ. 7:42

● 17:16 *2 Подш. 7:18-29*

\+ 17:20 Хур. 15:11

\+ 17:21 Так. Шар. 4:7, Так. Шар. 26:19, Так. Шар. 33:29

● 18:1 *2 Подш. 8:1-14*

\+ 18:3 1 Подш. 14:47

\+ 18:4 Еҳ. 11:6

\+ 18:7 4 Подш. 11:10, 2 Вак. 23:9

\+ 18:8 3 Подш. 7:15-47

\+ 18:11 3 Подш. 7:51

\+ 18:13 Ҳас. 25:23, Ҳас. 27:40, Ад. 24:18

● 18:14 *2 Подш. 8:15-18, 2 Подш. 20:23-26*

\+ 18:15 2 Подш. 2:13, 1 Вақ. 11:6, 3 Подш. 4:3

\+ 18:16 2 Подш. 15:24, 2 Подш. 20:25, 1 Вақ. 24:3

\+ 18:17 2 Подш. 23:20, 3 Подш. 2:35, 3 Подш. 4:4

● 19:1 *2 Подш. 10*

+ 19:1 1 Подш. 11:1

+ 19:6 2 Подш. 8:3

+ 19:7 Ад. 21:30, Ех. 13:9, Ех. 13:16

+ 19:11 1 Вақ. 18:12

+ 19:13 1 Подш. 3:18

+ 19:16 3 Подш. 11:23

● 20:1 *2 Подш. 11:1, 2 Подш. 12:26-31, 2 Подш. 21:18-22*

+ 20:1 2 Подш. 11:1, Так. Шар. 3:11

+ 20:4 Так. Шар. 2:11

+ 20:5 1 Подш. 17:7

+ 20:7 1 Подш. 16:9, 2 Подш. 13:3, 1 Вақ. 2:13

+ 20:8 Ех. 11:22

● 21:1 *2 Подш. 24:1-9*

+ 21:1 Айюб 1:6, Зак. 3:1, Мат. 4:3, 1 Қӯр. 7:5, 1 Тас. 3:5, Ваҳй 12:9-10

+ 21:2 Дов. 20:1, Ад. 1:2-4

+ 21:3 Так. Шар. 1:11

+ 21:5 Дов. 20:17, 1 Подш. 11:8

+ 21:6 1 Вак. 27:24

● 21:7 *2 Подш. 24:10-17*

+ 21:8 2 Подш. 12:13, 1 Подш. 13:13

+ 21:9 1 Подш. 22:5

+ 21:13 Заб. 118:156

+ 21:14 Хур. 30:12

+ 21:15 4 Подш. 19:35, 2 Вак. 32:21, Иш. 37:36, Аъм. 12:23, Юн. 3:9

● 21:18 *2 Подш. 24:18-25*

+ 21:22 Ад. 16:47-48

+ 21:23 3 Подш. 19:21

+ 21:26 2 Вак. 3:1, Иб. 9:24, Дов. 6:21, 3 Подш. 18:38

+ 21:29 1 Вак. 16:39, 2 Вак. 1:3

+ 22:1 2 Вак. 3:1

+ 22:2 3 Подш. 5:17

+ 22:3 3 Подш. 7:47

+ 22:4 3 Подш. 5:6

+ 22:5 1 Вақ. 29:1

+ 22:7 2 Подш. 7:2, 3 Подш. 8:17, 1 Вақ. 17:1

+ 22:8 3 Подш. 5:3, 1 Вақ. 28:3

+ 22:9 3 Подш. 5:4, 3 Подш. 4:24

+ 22:10 2 Подш. 7:13-14

+ 22:13 Ех. 1:6, 1 Вақ. 28:20

+ 22:18 1 Вақ. 23:25

+ 23:1 1 Вақ. 29:28

+ 23:3 Ад. 4:3

+ 23:5 2 Вак. 29:26, Наҳ. 12:36

+ 23:6 Хур. 6:16, Ад. 26:57

+ 23:7 1 Вақ. 26:21-22

+ 23:8 1 Вақ. 29:8

+ 23:12 Хур. 6:18, 1 Вақ. 6:18

+ 23:13 Хур. 6:20, Хур. 28:1, Ад. 6:22-27

+ 23:14 Так. Шар. 33:1

+ 23:15 Хур. 18:3-5

+ 23:16 1 Вақ. 26:24

+ 23:17 1 Вақ. 26:25

+ 23:19 1 Вақ. 24:23

+ 23:20 1 Вақ. 24:24

+ 23:21 Хур. 6:19, 1 Вақ. 23:21

+ 23:22 Ад. 36:8

+ 23:23 1 Вақ. 24:30

+ 23:24 Ад. 4:3, Ад. 8:24-25, 2 Вақ. 31:17, Эзр. 3:8

+ 23:25 1 Вақ. 22:18

+ 23:28 Ад. 3:6-9

+ 23:31 Ад. 28:9-15

+ 24:1 Хур. 6:23

+ 24:2 Иб. 10:2, Ад. 3:4

+ 24:3 2 Подш. 8:17

+ 24:7 Эзр. 2:36, Нах. 7:39

+ 24:10 Луқ. 1:5

+ 24:20 1 Вақ. 23:13-23

+ 24:23 1 Вақ. 26:31

+ 24:31 1 Вақ. 25:8, 1 Вақ. 26:13, Нах. 11:1

+ 25:1 1 Вақ. 6:33, 1 Вақ. 6:39, 1 Вақ. 15:17, 1 Вақ. 16:42

+ 25:8 1 Вақ. 26:13

+ 26:2 1 Вақ. 9:21

+ 26:4 1 Вақ. 15:18, 1 Вақ. 15:21, 1 Вақ. 15:24

+ 26:5 2 Подш. 6:11, 1 Вақ. 13:14

+ 26:8 1 Вақ. 16:38

+ 26:13 1 Вақ. 25:8

+ 26:15 Нах. 12:25

+ 26:21 1 Вақ. 23:7-8

+ 26:24 1 Вақ. 23:16

+ 26:25 1 Вақ. 23:16

+ 26:26 2 Подш. 8:11

+ 26:29 Наҳ. 11:16

+ 26:30 1 Вақ. 27:17

+ 26:31 1 Вақ. 24:23, Еҳ. 21:39, 1 Вақ. 6:81

● 27:1 *2 Подш. 23:8-39, 1 Вақ. 11:10-47*

+ 27:3 Ад. 26:19-20

+ 27:5 2 Подш. 8:18

+ 27:7 2 Подш. 2:18-23

+ 27:11 2 Подш. 21:18, 1 Вақ. 20:4

+ 27:15 Еҳ. 15:17, Дов. 1:13, Дов. 3:9, 1 Вақ. 4:13

+ 27:17 1 Вақ. 26:30, 1 Вақ. 24:3

+ 27:23 Ҳас. 15:5

+ 27:24 1 Вақ. 21:6-7

+ 27:31 1 Вақ. 5:10, Заб. 82:7

+ 27:33 2 Подш. 15:12, 2 Подш. 16:20, 2 Подш. 15:37, 2 Подш. 17:7, 3 Подш. 4:5

+ 27:34 1 Вақ. 11:6

+ 28:1 1 Вақ. 23:2

+ 28:2 Иш. 60:13, Иш. 66:1, Ҳиз. 43:7, 2 Подш. 7:1, 1 Вақ. 17:1

+ 28:3 2 Подш. 7:5, 3 Подш. 5:3, 1 Вақ. 22:8

+ 28:4 1 Подш. 16:12-13, 1 Вақ. 17:27, Ҳас. 49:8, Заб. 77:68, 1 Вақ. 5:2

+ 28:5 1 Вақ. 3:1-9, 1 Вақ. 14:3-7, 1 Вақ. 22:9, 2 Вақ. 1:8, 2 Вақ. 6:10

+ 28:6 2 Подш. 7:13-14

+ 28:9 1 Вақ. 29:17, Мас. 17:3, 3 Подш. 8:39, 2 Вақ. 6:30, Аъм. 1:24, 2 Вақ. 15:2, Иш. 55:6, Ирм. 29:13

+ 28:13 1 Вақ. 23:6, 1 Вақ. 24:6

+ 28:18 Хур. 25:20, Заб. 17:11, Заб. 98:1

+ 28:19 Хур. 25:40

+ 28:20 Ех. 1:6, 1 Вақ. 22:13

+ 29:1 3 Подш. 3:7, 1 Вақ. 22:5

+ 29:4 Ҳас. 10:29, 3 Подш. 9:28, Айюб 22:24

+ 29:5 Хур. 25:2

+ 29:8 1 Вақ. 23:7-8

+ 29:9 2 Қӯр. 9:7

+ 29:11 Заб. 23:1, Заб. 88:12

+ 29:12 3 Подш. 3:13, 2 Вак. 20:6

+ 29:15 Иб. 25:23, Заб. 38:13, Заб. 118:19, Айюб 14:2, Заб. 101:12, Заб. 143:4

+ 29:16 Ҳаҷ. 2:8

+ 29:17 1 Вақ. 28:9, Мас. 17:3

+ 29:19 1 Вақ. 22:14

+ 29:22 3 Подш. 1:39, 3 Подш. 2:35

+ 29:23 3 Подш. 2:12

+ 29:25 2 Вак. 1:1, 3 Подш. 3:13, 2 Вак. 1:12

+ 29:27 2 Подш. 2:11, 2 Подш. 5:4-5, 3 Подш. 2:11

+ 29:29 1 Подш. 16:13, 2 Подш. 7:2, 1 Подш. 22:5

*КИТОБИ*

# ДУЮМИ ВАҚОЕЪНОМА


| | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 | 7 | 8 | 9 | 10 |
| 11 | 12 | 13 | 14 | 15 | 16 | 17 | 18 | 19 | 20 |
| 21 | 22 | 23 | 24 | 25 | 26 | 27 | 28 | 29 | 30 |
| | | 31 | 32 | 33 | 34 | 35 | 36 | | |

## Подшоҳ шудани Сулаймон ва тақдим кардани қурбониҳо дар Ҷибъӯн.

# 1

1 Ва Сулаймон ибни Довуд дар салтанати худ мустаҳкам шуд,
ва Худованд Худои ӯ бо ӯ буд, ва ӯро бузург гардонида, баланд
бардошт+.
2 Ва Сулаймон ба тамоми Исроил: ба мириҳазорҳо ва мирисадҳо,
ва доварон, ва ҳамаи раисоне ки дар тамоми Исроил буданд, ба
сардорони хонаво даҳо амр фармуд,
3 Ва Сулаймон, ва тамоми ҷамоат ҳамроҳи у, ба суи баландие ки
дар Ҷибъӯн буд, рафтанд, зеро хаймаи ҷомеи Худо, ки Мусо, бандаи
Худо, онро дар биёбон сохта буд, дар он ҷо воқеъ буд+.
4 Аммо сандуқи Худоро Довуд аз Қирьят-Еорим ба маконе ки
Довуд барояш тайёр карда буд, баровард, зеро ки барои он дар
Ерусалим хаймае барафрошта буд+.
5 Вале қурбонгоҳи мисине ки Басалъил ибни Урӣ ибни Хур сохта
буд, дар Ҷибъӯн пеши маскани Худованд воқеъ буд; ва Сулаймон ва
ҷамоат онро зиёрат карданд+.
6 Ва Сулаймон дар он ҷо ба хузури Худованд назди қурбонгоҳи
мисине ки пеши хаймаи ҷомеъ буд, баромада, ҳазор сар қурбонии
сӯхтанӣ бар он тақдим намуд.

## Рӯъёи Сулаймон ва илтимоси ӯ дар бораи атои ҳикмат.

7 Дар ҳамон шаб Худо ба Сулаймон зоҳир шуд, ва ба ӯ гуфт: «Талаб
намо, чӣ чизе ба ту бидиҳам».
8 Ва Сулаймон ба Худо гуфт: «Ту ба падарам Довуд зҳсони азиме
кардӣ, ва маро ба ҷои ӯ подшоҳ сохтӣ+.
9 Алҳол, эй Худованд Худо, бигзор он сухане ки Ту ба падарам
Довуд гуфтаӣ, ба амал ояд, зеро ки Ту маро бар қавме ки мисли
ғубори замин сершуморанд, подшоҳ сохтаӣ+.
10 Алҳол ҳикмат ва дониш ба ман ато намо, то ки ба ин қавм
тавонам роҳбарӣ кунам, зеро кист, ки ин қавми бузурги Туро
битавонад доварӣ намояд?»
11 Ва Худо ба Сулаймон гуфт: «Абзаски ин дилхоҳи ту буд, ва ту
сарват, доройӣ ва ҷалол, ва ҷони душманонатро талаб накардӣ, ва низ
умри дароз талаб накардӣ, балки ҳикмат ва дониш барои худ

талабидӣ, то қавми Маро, ки бар онҳо туро подшоҳ сохтаам, доварӣ намоӣ, —

12 Бинобар ин ҳикмат ва дониш ба ту ато карда шуд, ва Ман сарват ва дороӣ ва ҷалол ба ту хоҳам бахшид, ба андозае ки подшоҳони пеш аз ту мисли он надоштанд, ва баъд аз ту мисли он наҳоҳанд дошт»+.

13 Ва Сулаймон аз зиёрати баландие ки дар Ҷибъӯн буд, аз хузури хаймаи ҷомеъ ба Ерусалим омад, ва бар Исроил подшоҳӣ кард.

14 •Ва Сулаймон аробаҳо ва саворагон ҷамъ кард: ӯ ҳазору чорсад ароба ва дувоздаҳ ҳазор нафар саворагон дошт; ва ӯ онҳоро дар шаҳрҳои аробаҳо ва назди подшоҳ дар Ерусалим ҷойгир кард+.

15 Ва подшоҳ нукра ва тиллоро дар Ерусалим ба сангҳои кӯча баробар гардонид, ва чӯби арзро ба чӯби ҷумиз, ки дар пастӣ бисьёр мерӯяд, баробар сохт.

16 Ва аспонро барои Сулаймон аз Миср ва аз Қаве меоварданд: тоҷирони подшоҳ онҳоро аз Қаве ба баҳои муайян мехариданд+.

17 Ва як аробаро аз Миср ба баҳои шашсад сиқл нуқра харида меоварданд, ва як аспро — ба баҳои саду панҷоҳ сиқл; ва ҳамчунин барои ҳамаи подшоҳони ҳиттиён ва подшоҳони арамиён ба воситаи онҳо меоварданд.

## Сулаймон барои сохтани маъбад майёрӣ мебинад.

2 [1] •Ва Сулаймон қарор дод, ки хонае ба исми Худованд, ва хонае
барои салтанати худаш бино кунад.
[2] Ва Сулаймон ҳафтод ҳазор нафар барои боркашӣ, ва ҳаштод
ҳазор нафар барои сангтарошӣ дар кӯҳистон, ва се ҳазору шашсад
нафар барои назорати онҳо дар шумор овард.
[3] Ва Сулаймон назди Ҳуром, подшоҳи Сӯр, фиристода, гуфт:
«Чунон ки бо падарам Довуд рафтор намуда, барои ӯ чӯби арз
фиристодаӣ, то ки хонае барои сукунати худ бино кунад, ончунон бо
ман рафтор намо+.
[4] Инак, ман хонае ба исми Худованд Худои худ бино менамоям, то
ки онро ба Ӯ тақдис кунам, бухури хушбӯе ба ҳузури Ӯ бисӯзонам, ва
нони тақдими доимӣ ва қурбониҳои сӯхтании субҳу шомро дар
шанбеҳо ва навмоҳҳо ва идҳои Худованд Худои мо тақдим намоям,
ки ин ба сурати абадӣ ба Исроил амр фармуда шудааст.
[5] Ва хонае ки ман бино менамоям, бузург аст, зеро ки Худои мо аз
ҳамаи худоён бузургтар аст+.
[6] Ва кист, ки қувват дошта бошад хонае барои Ӯ бино намояд, дар
сурате ки фалак ва фалакулафлок наметавонад Ӯро гунҷоиш диҳад?
Ва ман кистам, ки хонае барои Ӯ бино намоям? Магар фақат барои он
ки ба ҳузури Ӯ бухур бисӯзонам+.
[7] Ва алҳол касеро ба ман бифирист, ки дар сохтани ашьё аз тилло
ва нуқра ва мис ва оҳан ва арғувон ва қирмиз ва лоҷвард моҳир
бошад, ва кандакориро донад, то ки вай бо ҳунармандоне ки назди
ман дар Яҳудо ва Ерусалим ҳастанд, ва онҳоро падарам Довуд тайёр
кардааст, бошад+.
[8] Ва дарахтони арз, сарв ва сандал аз Лубнон барои ман бифирист,
зеро ман медонам, ки бандагони ту аз ӯҳдаи буридани дарахтони
Лубнон мебароянд; ва инак, бандагони ман бо бандагони ту хоҳанд
буд,
[9] То ки чӯбу тахтаи зиёде барои ман тайёр кунанд, зеро хонае ки
ман бино менамоям, бузург ва аҷоиб хоҳад буд.
[10] Ва инак, ман барои таъминоти дарахтбуроне ки дарахтбурӣ
мекунанд, барои бандагони ту бист ҳазор кӯр гандум, ва бист ҳазор

кӯр ҷав, ва бист ҳазор бат шароб, ва бист ҳазор бат равған медиҳам».
11 Ва Хуром, подшоҳи Сӯр, бо мактубе ҷавоб гардонида, ба
Сулаймон фиристод: «Азбаски Худованд қавми Худро дӯст медорад,
туро бар онҳо подшоҳ гардонидааст»+.
12 Ва Хуром гуфт: «Муборак аст Худованд Худои Исроил,
офаринандаи осмон ва замин, ки ба подшоҳ Довуд писари ҳакими
соҳиби ақлу фаҳмро ато намудааст, ки вай хонае барои Худованд ва
хонае барои салтанати худаш бино менамояд.
13 Ва алҳол ман Хуромро, ки марди ҳакими соҳибфаҳме аз
хунармандони падари ман аст, фиристодам,+
14 Ки вай писари зане аз духтарони Дон аст, ва падараш марди
сӯрӣ буд; вай дар сохтани ашьё аз тилло ва нуқра ва мис ва оҳан ва
санг ва ҷӯб ва арғувон ва лоҷвард ва катон ва қирмиз, ва дар иҷрои
ҳар навъ кандакорӣ ва ҳар саноеи нафисае ки ба зиммаи вай бо
якҷоягии ҳунармандони ту ва ҳунармандони оғоям, падарат Довуд,
гузошта шавад, усто мебошад.
15 Ва алҳол, гандум ва ҷав ва равған ва шаробро, ки оғоям дар
бораи онҳо сухан рондааст, ба бандагони худ бифирист.
16 Ва мо дарахтонро аз Лубнон ба миқдори даркории ту бурида, ба
шакли амадҳо бо роҳи баҳр ба Ёфӯ хоҳем овард, ва ту онҳоро ба
Ерусалим хоҳӣ бурд»+.
17 Ва Сулаймон ҳамаи мардони ғариберо, ки дар замини Исроил
буданд, баъд аз саршумории онҳо, ки падараш Довуд ба амал оварда
буд, дар шумор овард, ва онҳо саду панҷоҳу се ҳазору шашсад нафар
баромаданд+.
18 Ва аз онҳо ҳафтод ҳазор нафарро ҳамчун боркашон, ва ҳаштод
ҳазор нафарро ҳамчун сангтарошон дар кӯҳистон, ва се ҳазору
шашсад нафарро ҳамчун нозироне ки қавмро кор мефармоянд,
таъин намуд.

## Ибтидои сохтмони маъбад.

# 3

1 •Ва Сулаймон ба бино кардани хонаи Худованд дар Ерусалим,
бар кӯҳи Мӯриё шурӯъ намуд, ки дар он ҷо Худованд ба падараш
Довуд зоҳир шуда буд, ва Довуд ин ҷойро дар хирмангоҳи Орнони
ябусӣ муқаррар карда буд+.

2 Ва ӯ дар рӯзи дуюми моҳи дуюм, дар соли чоруми подшоҳии худ
ба бино кардан шурӯъ намуд.

## Дар бораи андозаҳои маъбад ва масолеҳи бинокорӣ.

3 Ва ин аст асосҳое ки Сулаймон барои бино кардани хонаи Худо
гузошт: дарозияш бо зироъҳо, бар ҳасби андозаи аввала, шаст зироъ,
ва фарохияш — бист зироъ.

4 Ва дарозии равоқе ки пеши толор буд, мувофиқи фарохии хона —
бист зироъ, ва баландияш — саду бист; ва онро аз дарун бо тиллои
холис пӯшонид.

5 Ва толори калонро бо чӯби сарв рӯйбаст намуд, ва онро бо
тиллои холис пӯшонид, ва бар рӯяш нақши нахлҳо ва шилшилаҳоро
ҳак кард.

6 Ва хонаро барои зебоӣ бо сангҳои гаронбаҳо тарсеъ дод, ва
тиллои он тиллои Парвоим буд.

7 Ва хонаро, — болорҳо, остонаҳо, деворҳо ва дарҳои онро, — бо
тилло рӯйбаст намуд, ва бар деворҳо каррубиёнро ҳак кард.

8 Ва хонаи қудси қудсҳоро сохт: дарозияш, мувофиқи фарохии
хона, бист зироъ, ва фарохияш бист зироъ буд; ва онро бо тиллои хуб,
ба миқдори шашсад киккар, рӯйбаст намуд.

9 Ва вазни меххо панҷоҳ сиқл тилло буд; ва болохонаҳоро бо
тилло рӯйбаст намуд.

10 Ва дар хонаи қудси қудсҳо ду каррубии муҷассамкорӣ сохт, ва
онҳоро бо тилло пӯшонид+.

11 Ва болҳои каррубиён бист зироъ дарозӣ дошт; як бол, ки панҷ
зироъ буд, ба девори хона мерасид, ва боли дигар, ки панҷ зироъ буд,
ба боли каррубии дигар мерасид;

12 Ва боли каррубии дигар, ки панҷ зироъ буд, ба девори хона
мерасид, ва боли дигараш, ки панҷ зироъ буд, ба боли каррубии
дигар мечаспид.

13 Болҳои ин каррубиён ба дарозии бист зироъ паҳн шуда буд, ва
онҳо бар пойҳои худ меистоданд, ва рӯйҳошон ба сӯи хона буд.
14 Ва пардаро аз лоҷвард ва арғувон ва қирмиз ва катон сохт, ва
нақши каррубиёнро бар он кашид+
15 Ва пеши хона ду сутун сохт, ки дарозии онҳо сию панҷ зироъ
буд; ва тоҷе ки бар сари ҳар яке аз онҳо буд, панҷ зироъ дарозӣ
дошт+.
16 Ва шилшилаҳо, мисли онҳое ки дар ҳарам буд, сохта, бар сари
сутунҳо гузошт; ва сад анор сохта, бар шилшилаҳо ниҳод.
17 Ва сутунҳоро пеши маъбад барқарор намуд, — якеро аз тарафи
рост, ва дигареро аз тарафи чап; ва номи сутуни тарафи ростро Ёкин
хонд, ва номи сутуни тарафи чапро — Бӯаз.

## Давоми сохтмон.

4 [1] •Ва қурбонгоҳи мисин сохт, ки дарозияш бист зироъ, ва
фарохияш бист зироъ, ва қадаш даҳ зироъ буд+.
[2] Ва ҳавзи аз мис рехтае сохт, ки аз лаб то лабаш даҳ зироъ буд,
шакли комилан доиравӣ дошт, ва қадаш панҷ зироъ буд, ва риштаи
сӣ-зироӣ онро гирдогирд дар бар мегирифт+.
[3] Ва зери он сурати говон буд, ки онро гирдогирд дар бар
мегирифт, ба тавре ки ба ҳар зироъ даҳ адад аз онҳо буд, ва онҳо
ҳавзро гирдогирд дар бар мегирифт; ин говон ду қатор буда,
баробари рехта шудани он рехта шуда буд.
[4] Он бар дувоздаҳ гов меистод, ки се адади онҳо ба тарафи шимол
менигарист, ва се адади онҳо ба тарафи ғарб менигарист, ва се адади
онҳо ба тарафи ҷануб менигарист, ва се адади онҳо ба тарафи шарқ
менигарист, ва ҳавз аз боло бар онҳо меистод; ва ҳамаи пуштҳои
онҳо дар таги он буд.
[5] Ва ғафсии он як ваҷаб буд, ва лабаш мисли лаби ҷилди гули
савсан сохта шуда буд; ҳаҷми он гунҷоиши се ҳазор батро дошт.
[6] Ва даҳ лаган сохт, ва аз онҳо панҷ ададро ба тарафи рост, ва панҷ
ададро ба тарафи чап гузошт, то ки дар онҳо шустушӯ кунанд, — он
чиро, ки ба қурбонии сӯхтанӣ тааллуқ дошт, дар онҳо мешустанд; ва
ҳавз барои он буд, ки коҳинон дар он шустушӯ намоянд+.
[7] Ва даҳ чароғдони тилло мувофиқи дастури онҳо сохта, дар
маъбад панҷ ададро ба тарафи рост, ва панҷ ададро ба тарафи чап
гузошт+.
[8] Ва даҳ миз сохта, дар маъбад панҷ ададро ба тарафи рост, ва панҷ
ададро ба тарафи чап гузошт; ва сад косаи тилло сохт.
[9] Ва саҳни коҳинон, ва саҳни бузург, ва дарҳо барои саҳн сохт; ва
дарҳоро бо мис пӯшонид.
[10] Ва ҳавзро дар тарафи рост, дар кунҷи шарқи ҷанубӣ ҷойгир
кард.
[11] Ва Ҳуром дегҳо ва хокандозҳо ва косаҳо сохт; ва Ҳуром кореро,
ки назди подшоҳ Сулаймон дар хонаи Худо ба ҷо меовард, ба анҷом
расонид:

12 Ду сутун, ва ду гулӯлаи тоҷҳое ки бар сари сутунҳо буд; ва ду
шабака барои пӯшонидани ду гулӯлаи тоҷҳое ки бар сари сутунҳо
буд;
13 Ва чорсад аноре ки барои ду шабака буд: ду қатор анорҳо барои
ҳар шабака аз баҳри пӯшонидани ду гулӯлаи тоҷҳое ки болои
сутунҳо буд;
14 Ва пояҳоро сохт, ва лаганҳоро бар пояҳо сохт;
15 Як ҳавз, ва дувоздаҳ говро, ки дар таги он буд;
16 Ва дегҳо ва хокандозҳо ва чанголҳо, ва тамоми колои онҳоро, ки
Ҳуром, ҳунарманди падараш, назди подшоҳ Сулаймон барои хонаи
Худованд сохт, аз миси сайқалӣ буд.
17 Онҳоро подшоҳ дар водии Урдун дар умқи гиле ки дар миёни
Суккӯт ва Саредото буд, рехт.
18 Ва Сулаймон тамоми ин колоро он қадар бисьёр сохт, ки муайян
кардани вазни мис ғайриимкон буд.
19 Ва Сулаймон тамоми колоеро, ки дар хонаи Худо буд, ва
қурбонгоҳи тилло, ва мизҳоро, ки нони такдим бар онҳо буд, сохт,
20 Ва чароғдонҳо ва чароғҳои онҳоро аз тиллои пок, то ки
мувофиқи дастур пеши ҳарам даргиронида шавад;
21 Ва гулҳо ва чароғҳо ва анбӯрҳоро аз тилло, яъне аз зари холис;
22 Ва оташгиракҳо ва косаҳо ва қошуқҳо ва маҷмарҳоро аз тиллои
пок; ва дарвозаи хонаро, — дарҳои дохилӣ ба сӯи қудси қудсҳо, ва
дарҳои маъбад ба сӯи толор, — аз тилло.

## Сандуқи аҳд ба маъбад оварда шуд.

5 [1] Ва тамоми коре ки Сулаймон барои хонаи Худованд ба ҷо
овард, анҷом ёфт; ва Сулаймон он чиро, ки падараш Довуд вақф
карда буд, овард, ва нуқра ва тилло ва тамоми колоро ба хазоини
хонаи Худо супурд.

[2] •Он гоҳ Сулаймон пирони Исроил, ва ҳамаи сардорони сибтҳо,
раисони хонаводаҳои банӣ-Исроилро дар Ерусалим ҷамъ кард, то ки
сандуқи аҳди Худовандро аз шаҳри Довуд, ки Сион бошад,
бароваранд+.
[3] Ва тамоми мардуми Исроил дар иди моҳи ҳафтум назди подшоҳ
ҷамъ шуданд.
[4] Ва ҳамаи пирони Исроил омаданд, ва левизодагон сандуқро
бардоштанд.
[5] Ва сандуқ, ва хаймаи ҷомеъ, ва тамоми колои муқаддасро, ки
дар хайма буд, бардоштанд, — онҳоро коҳинон ва левизодагон
бардоштанд.
[6] Ва подшоҳ Сулаймон ва тамоми ҷамоати Исроил, ки ба хузури ӯ
назди сандуқ ҷамъ шуда буданд, гӯсфандон ва говонро қурбонӣ
карданд, ки микдори онҳоро, ба сабаби бисьёриашон, ба ҳисоб
овардан ва муайян намудан мумкин набуд.
[7] Ва коҳинон сандуқи аҳди Худовандро ба маконаш, ба ҳарами
хона, ба қудси қудсҳо, зери болҳои каррубиён даровfarданд.
[8] Ва каррубиён болҳошонро бар макони сандуқ паҳн мекарданд,
ва каррубиён сандуқ ва дастакҳояшро аз боло мепӯшониданд+.
[9] Ва дастакҳоро пеш кашида дароз карданд, ба тавре ки сари
дастакҳо аз сандуқе ки пеши ҳарам буд, аён мешуд, вале аз берун аён
намешуд; ва онҳо то имрӯз дар он ҷост.
[10] Дар сандуқ чизе набуд, ғайр аз лавҳҳое ки Мусо дар Хӯриб дар
он гузошт, вақте ки Худованд бо банӣ-Исроил, ҳангоми берун
омаданашон аз Миср, аҳд баст+.
[11] Ва чунин воқеъ шуд, ки чун коҳинон аз қудс берун омаданд, —
зеро ҳамаи коҳиноне ки дар он ҷо буданд, худро, сарфи назар аз
навбатҳошон, тақдис карданд,+

12 Ва ҳамаи левизодагони муғаннӣ, яъне Ософ, Ҳеймон, Едутун, ва
писаронашон, ва бародаронашон, либоси катон дар бар карда, бо
санҷҳо ва барбатҳо ва удҳо ба тарафи шарқии қурбонгоҳ меистоданд,
ва саду бист нафар коҳинон ҳамроҳи онҳо истода, карнай
менавохтанд,+
13 Ва ин карнайнавозон ва муғанниён мисли як тан барои ҳамду
санои Худованд якдилона овоз мебароварданд, ва ҳамин ки садои
карнайҳо ва санҷҳо ва дигар асбоби мусиқиро баланд карда,
Худовандро ҳамд гуфтанд, ки Ӯ некӯст, зеро ки эҳсони Ӯ то абад аст,
— он гоҳ хона, хонаи Худованд, аз абр пур шуд,+
14 Ва коҳинон, ба сабаби абр, натавонистанд барои хизмат
биистанд, зеро ки ҷалоли Худованд хонаи Худоро пур карда буд+.

## Нутқ ва дуои Сулаймон.

6 [1] Он гоҳ Сулаймон гуфт:
«Худованд гуфтааст, ки дар меғ сокин мешавад+.
[2] Вале ман хонае барои сукунати Ту бино намудаам,
маконе барои он ки Ту дар он то абад сокин шавӣ».

[3] •Ва подшоҳ рӯи худро гардонида, тамоми ҷамоати Исроилро
баракат дод, — ва тамоми ҷамоати Исроил меистоданд, —+
[4] Ва гуфт: «Муборак аст Худованд Худои Исроил, ки бо даҳони Худ
ба падарам Довуд сухан рондааст, ва бо дасти Худ онро ба ҷо
овардааст! Ӯ гуфтааст:
[5] „Аз рӯзе ки Ман қавми Худ Исроилро аз замини Миср берун
овардаам, шаҳреро аз ҳамаи сибтҳои Исроил барои бино кардани
хонае барнагузидаам, то ки исми Ман дар он бошад, ва касеро
барнагузидаам, то ки вай бар қавми Ман Исроил раис бошад;
[6] Валекин Ерусалимро баргузидам, то ки исми Ман дар он бошад,
ва Довудро баргузидам, то ки вай бар қавми Ман Исроил бошад“+.
[7] Ва дар дили падарам Довуд орзуе буд, ки хонае ба исми
Худованд Худои Исроил бино кунад+.
[8] Вале Худованд ба падарам Довуд гуфт: „Чун дар дили ту орзуе
буд, ки хонае ба исми Ман бино намоӣ, хуб кардӣ, ки чунин орзуе
дар дили худ доштӣ;
[9] Аммо ту хонаро бино нахоҳӣ кард, балки писари ту, ки аз
камари ту берун ояд, — ӯ хонаро ба исми Ман бино хоҳад кард“+.
[10] Ва Худованд каломи Худро, ки ба забон ронда буд, ба ҷо овард,
ва ман ба ҷои падарам Довуд ба майдон омадам ва, бар тибқи он чи
Худованд гуфта буд, бар тахти Исроил нишастам, ва хонае ба исми
Худованд Худои Исроил бино кардам+.
[11] Ва сандуқеро дар он ҷо гузоштам, ки аҳди Худованд, ки онро бо
банӣ-Исроил баста буд, дар он мебошад».

[12] •Ва ӯ пеши қурбонгоҳи Худованд, дар рӯ ба рӯи тамоми ҷамоати
Исроил истода, дастҳои худро дароз кард, —+
[13] Зеро ки Сулаймон минбари мисине ки дарозияш панҷ зироъ, ва
фарохияш панҷ зироъ, ва қадаш се зироъ буд, сохта, онро дар миёни

саҳн гузошта буд; ва бар он истода, дар рӯ ба рӯи тамоми ҷамоати
Исроил зону зад, ва дастҳои худро сӯи осмон дароз кард, —
14 Ва гуфт: «Эй Худованд Худои Исроил! Худое мисли Ту дар осмон
ва замин нест; Ту ба бандагони Худ, ки ба хузури Ту бо тамоми дили
худ рафтор менамоянд, аҳд ва эҳсонро нигоҳ медорӣ+.
15 Ту он чиро, ки ба бандаи Худ — падарам Довуд — гуфтаӣ, риоя
намудӣ; Ту бо даҳони Худ гуфтаӣ ва бо дасти Худ ба ҷо овардаӣ,
чунон ки имрӯз воқеъ шудааст.
16 Ва алҳол, эй Худованд Худои Исроил, барои бандаи Худ,
падарам Довуд, он каломро риоя намо, ки ба ӯ гуфтаӣ: „Касе ки ба
ҳузури Ман бар тахти Исроил биншинад, барои ту хотима нахоҳад
ёфт, ба шарте ки писаронат роҳҳои худро нигоҳ дошта, мувофиқи
шариати Ман рафтор намоянд, чунон ки ту ба ҳузури Ман рафтор
намудаӣ“+.
17 Ва алҳол, эй Худованд Худои Исроил, бигзор каломи Ту, ки ба
бандаи Худ Довуд гуфтаӣ, собит шавад!+
18 Оё дар ҳақиқат Худо бар замин бо одамизод сокин мешавад?
Охир, осмон ва фалакулафлок наметавонад Туро гунҷоиш диҳад, чӣ
ҷои ин хонае ки ман бино кардаам+.
19 Валекин, эй Худованд Худои ман, ба дуои бандаи Худ ва ба
истиғосаи вай таваҷҷӯҳ намо, то тазаррӯъ ва дуоеро, ки бандаат ба
ҳузури Ту мегӯяд, бишнавӣ,
20 Ва чашмони Ту бар ин хона, бар ин маконе ки дар бораи он
гуфтаӣ: „Исми Ман дар он ҷо хоҳад буд“, шабу рӯз воз бошад, ва Ту
дуоеро, ки бандаат дар ин макон мегӯяд, бишнавӣ+.
21 Ва Ту истиғосаҳои бандаи Худ ва қавми Худ Исроилро, ки дар ин
макон дуо мегӯянд, бишнав, ва онро аз ҷои сукунати Худ, аз осмон
бишнав, ва шунида, биомурз.
22 Агар касе нисбат ба ёри худ гуноҳ карда, ба қасам хӯрдан
маҷбур шавад, ва омада, пеши қурбонгоҳи Ту дар ин хона қасам
хӯрад, —+
23 Он гоҳ Ту аз осмон бишнав, ва амал намуда, бар бандагонат
доварӣ намо, то ки сазои шарирро дода, рафторашро ба сараш
баргардонӣ, ва одилро сафед карда, бар тибқи адолаташ ба вай подош
диҳӣ.

24 Ва агар қавми Ту Исроил барои гуноҳе ки ба хузури Ту ба амал
оварда бошанд, пеши душман мағлуб шаванд, ва сӯи Ту руҷӯъ намуда
ва исми Туро ҳамду сано хонда, пеши Ту дар ин хона дуо гӯянд ва
истиғоса кунанд, —+
25 Он гоҳ Ту аз осмон бишнав, ва гуноҳи қавми Худ Исроилро
биомурз, ва онҳоро ба замине ки ба онҳо ва ба падаронашон додаӣ,
баргардон.
26 Ҳангоме ки осмон баста шавад ва барои гуноҳе ки ба хузури Ту
ба амал оварда бошанд, борон наборад, ва дар ин макон дуо гуфта ва
исми Туро ҳамду сано хонда, аз гуноҳи худ тавба кунанд, чунки Ту
онҳоро фурӯ нишондаӣ, —+
27 Он гоҳ Ту аз осмон бишнав, ва гуноҳи бандагони Худ ва қавми
Худ Исроилро омурзида, роҳи некӯро, ки бо он бояд бираванд, ба
онҳо нишон бидеҳ, ва бар замини Худ, ки онро ба қавми Худ барои
мерос додаӣ, борон бифирист+.
28 Агар дар замин қаҳтӣ рӯй диҳад, агар вабо ояд, агар боди самум,
хушксолӣ, малах ва кирмак пайдо шавад, агар душманонашон
онҳоро дар шаҳрҳои заминашон ба танг оваранд, агар ягон мусибат
ва ягон беморӣ ба вуқӯъ ояд, —+
29 Он гоҳ ҳар дуо ва ҳар истиғосаро, ки аз ҷониби ҳар одам ва аз
ҷониби тамоми қавми Ту гуфта мешавад, вақте ки ҳар яке аз онҳо
мусибати худ ва дарди худро медонанд ва дастҳои худро сӯи ин хона
дароз мекунанд, —
30 Ту аз осмон, ки макони сукунати Туст, бишнав ва биомурз, ва ба
ҳар кас, ки дили варо медонӣ, бар тибқи тамоми рафтораш подош
деҳ, зеро ки танҳо Ту донандаи дилҳои тамоми банӣ-одам ҳастӣ,+
31 То ки онҳо аз Ту ҳаросон бошанд ва дар тамоми айёми зиндагии
худ ба рӯи замине ки Ту ба падарони мо додаӣ, бо роҳҳои Ту
бираванд.
32 Ва ҳамчунин аҷнабиро, ки аз ҷумлаи қавми Ту Исроил набошад,
вале ба хотири исми бузурги Ту ва дасти қавии Ту ва бозуи тӯлонии
Ту аз замини дурдасте омада бошад, ва омада, сӯи ин хона дуо гӯяд,
—+
33 Ту аз осмон, ки макони сукунати Туст, бишнав, ва ҳар он чиро,
ки он аҷнабӣ сӯи Ту хонда дархост намояд, ба амал овар, то ки ҳамаи
қавмҳои замин исми Туро бишносанд, ва аз Ту мисли қавми Ту

Исроил ҳаросон бошанд, ва бидонанд, ки исми Ту бар ин хонае ки
ман бино кардаам, хонда шудааст.
34 Ҳангоме ки қавми Ту ба ҷанги зидди душманони худ, бо роҳе ки
Ту онҳоро фиристодаӣ, берун оянд, ва ба ин шаҳре ки Ту баргузидаӣ,
ва ба хонае ки ман ба исми Ту бино кардаам, руҷӯъ намуда, сӯи Ту
дуо гӯянд, —
35 Он гоҳ Ту аз осмон дуо ва истиғосаи онҳоро бишнав, ва дархости
онҳоро ба ҷо овар.
36 Ҳангоме ки онҳо пеши Ту гуноҳ кунанд, — зеро касе нест, ки
гуноҳ накунад, — ва Ту бар онҳо ғазаб карда, онҳоро ба душман
таслим намоӣ, ва асиркунандагонашон онҳоро ба замини дур ё
наздик бибаранд,+
37 Ва ҳангоме ки онҳо дар замине ки он ҷо асир бошанд, ба худ
омада тавба кунанд, ва дар замини асирии худ ба сӯи Ту истиғоса
намуда, гӯянд: „Мо гуноҳ карда ва осӣ шуда, рафтори шарирона
кардем“,+
38 Ва ҳангоме ки онҳо дар замини асирии худ, ки ба он ҷо онҳоро
ба асирӣ бурдаанд, бо тамоми дили худ ва бо тамоми ҷони худ сӯи
Ту баргарданд, ва ба замине ки Ту ба падаронашон додаӣ, ва ба шаҳре
ки Ту баргузидаӣ, ва ба хонае ки ман ба исми Ту бино кардаам, руҷӯъ
намуда, сӯи Ту дуо гӯянд, —+
39 Он гоҳ Ту аз осмон, ки макони сукунати Туст, дуо ва истиғосаи
онҳоро бишнав, ва дархости онҳоро ба ҷо овар, ва қавми Худро, ки
пеши Ту гуноҳ кардаанд, биомурз.
40 Алҳол, эй Худои ман, бигзор чашмони Ту воз бошад, ва гӯшҳои
Ту ба дуое ки дар ин макон гуфта мешавад, шунаво бошад+.
41 Ва алҳол, зй Худованд Худо, ба сӯи оромгоҳи Худ бархез, — Ту ва
сандуқи қудрати Ту; коҳинони Ту, эй Худованд Худо, ҷомаи наҷот
хоҳанд пӯшид, ва порсоёни Ту ба некӯӣ шод хоҳанд шуд+.
42 Эй Худованд Худо! Рӯи масеҳи Худро барнагардон, эҳсонҳои
бандаи Худ Довудро ба ёд овар»+.

## Қурбониҳо ва иди ботантана.

**7** 1 •Ва ҳангоме ки Сулаймон гуфтани дуоро ба анҷом расонид,
оташе аз осмон фурӯд омада, қурбонии сӯхтанӣ ва забҳҳоро
сӯзонид, ва ҷалоли Худованд хонаро пур кард+.
2 Ва коҳинон натавонистанд ба хонаи Худованд дохил шаванд,
зеро ки ҷалоли Худованд хонаи Худовандро пур карда буд.
3 Ва тамоми банӣ-Исроил фурӯд омадани оташ ва ҷалоли
Худовандро бар хона диданд, ва рӯй бар замини сангфарш афтода,
саҷда бурданд, ва Худовандро ҳамду сано хонданд, зеро ки Ӯ некӯст,
зеро ки эҳсони Ӯ то абад аст+.
4 Ва подшоҳ ва тамоми қавм қурбониҳо ба ҳузури Худованд забҳ
карданд.
5 Ва подшоҳ Сулаймон бисту ду ҳазор гов ва саду бист ҳазор
гӯсфанд қурбонӣ кард; ва подшоҳ ва тамоми қавм хонаи Худоро
тақдис карданд.
6 Ва коҳинон дар навбатдории худ меистоданд, ва левизодагон бо
асбоби суруди Худованд буданд, ки подшоҳ Довуд онҳоро барои
ҳамду санои Худованд сохта буд, зеро ки эҳсони Ӯ то абад аст, ва
Довуд ба воситаи онҳо ҳамду сано мегуфт; ва коҳинон дар рӯ ба рӯи
онҳо карнай менавохтанд, ва тамоми Исроил меистоданд.
7 Ва Сулаймон миёнаи саҳнро, ки пеши хонаи Худованд буд,
тақдис намуд, чунки қурбониҳои сӯхтанӣ ва чарбуи қурбониҳои
саломатиро дар он ҷо тақдис кард, зеро қурбонгоҳи мисине ки
Сулаймон сохта буд, қурбониҳои сӯхтанӣ ва ҳадияҳои ордӣ ва
чарбуи қурбониҳоро натавонист гунҷоиш диҳад+.
8 Ва Сулаймон дар он вақт ҳафт рӯз ид кард, ва тамоми Исроил
ҳамроҳи ӯ буданд, ки ин ҷамоати бағоят бузург аз даромадгоҳи
Ҳамот то водии Миср ҷамъ омада буданд;+
9 Ва дар рӯзи ҳаштум ҷамъомади ботантанаи идонае барпо
карданд, зеро ки тақдиси қурбонгоҳро ҳафт рӯз, ва идро ҳафт рӯз ба
амал оварданд.
10 Ва дар рӯзи бисту сеюми моҳи ҳафтум ӯ қавмро ба хаймаҳошон
фиристод, ки онҳо ба сабаби некие ки Худованд ба Довуд ва

Сулаймон ва қавми Худ Исроил карда буд, хурсанд ва дилшод буданд.

11 •Ва Сулаймон хонаи Худованд ва хонаи подшоҳро ба анҷом
расонид; ва ҳар он чи орзуи дили Сулаймон буд, ки дар хонаи Худованд ва дар хонаи худаш ба амал оварад, муваффақият ёфт.

## Худованд ба Сулаймон зоҳир мешавад.

12 Ва Худованд шабона ба Сулаймон зоҳир шуд, ва ба ӯ гуфт: «Дуои
туро шунидам, ва ин маконро барои Худ баргузидам, то ки хонаи қурбониҳо гардад+.

13 Агар осмонро бибандам, ва борон наборад, ва агар ба малах
фармон диҳам, ки ҳосили заминро бихӯрад, ва агар вабое бар қавми Худ бифиристам,+

14 Ва қавми Ман, ки ба исми Ман номида шудаанд, гардан
фуроварда, дуо гӯянд ва рӯи Маро ҷӯё шаванд, ва аз роҳҳои бади худ баргарданд, — он гоҳ Ман аз осмон шунида, гуноҳҳои онҳоро хоҳам омурзид, ва замини онҳоро шифо хоҳам дод+.

15 Алҳол чашмони Ман воз ва гӯшҳои Ман ба дуое ки дар ин макон
гуфта мешавад, шунаво хоҳад буд+.

16 Ва алҳол Ман ин хонаро баргузидам ва такдис кардам, то ки
исми Ман то абад дар он бошад; ва чашмони Ман ва дили Ман тамоми айём дар ин ҷо хоҳад буд+.

17 Ва агар ту ба ҳузури Ман, чунон ки падарат Довуд рафтор
менамуд, рафтор намоӣ, ва ҳар чиро, ки Ман ба ту амр фармудаам, ба ҷо овари, ва фароизу аҳкоми Маро нигоҳ дорӣ,

18 Ман тахти салтанати туро устувор хоҳам кард, чунон ки бо
падарат Довуд аҳд баста, гуфтаам: „Аз ту касе ки бар Исроил ҳоким бошад, аз миён нахоҳад рафт“+.

19 Валекин агар шумо рӯй гардонида, аҳкому фароизеро, ки ба
шумо додаам, тарк кунед, ва рафта, худоёни дигарро ибодат намоед, ва ба онҳо саҷда баред, —

20 Ман онҳоро аз замини Худ, ки ба онҳо додаам, решакан хоҳам
кард, ва ин хонаро, ки ба исми Худ такдис намудаам, аз хузури Худ дур хоҳам андохт, ва онро дар миёни ҳамаи қавмҳо зарбулмасал ва хандахариш хоҳам гардонид+.

21 Ва дар ҳаққи ин хона, ки олишукӯҳ буд, ҳар касе ки аз пеши он
бигзарад, аз харобии он дар ҳайрат монда, хоҳад гуфт: „Аз чӣ сабаб
Худованд ба ин замин ва ба ин хона чунин амал намудааст?“+
22 Ва хоҳанд гуфт: „Аз он сабаб, ки онҳо Худованд Худои падарони
худро, ки онҳоро аз замини Миср берун оварда буд, тарк карданд, ва
худоёни дигарро пайравӣ намуда, ба онҳо саҷда бурданд ва онҳоро
ибодат карданд; бинобар ин тамоми ин мусибатро ба сари онҳо
овардааст“».

## Корҳои Сулаймон ва ҷалоли ӯ.

8 [1] •Ва баъд аз гузаштани бист сол, ки дар ин муддат Сулаймон
хонаи Худованд ва хонаи худашро бино кард, —+
[2] Шаҳрҳоеро, ки Ҳуром ба Сулаймон дода буд, Сулаймон обод
кард, ва банӣ-Исроилро дар онҳо сокин гардонид.
[3] Ва Сулаймон ба Ҳамот-Субо рафта, бар он дастболо шуд.
[4] Ва Тадмӯрро дар биёбон бино кард, ва шаҳрҳои захираҳоро, ки
дар Ҳамот бино карда буд, ба анҷом расонид.
[5] Ва Байт-Ҳӯрӯни боло ва Байт-Ҳӯрӯни поёнро бино кард, ки
шаҳрҳои ҳисордори дорои деворҳо, дарвозаҳо ва ғалақаҳо буд;+
[6] Ва низ Баалот, ва ҳамаи шаҳрҳои захираҳоро, ки Сулаймон дошт,
ва ҳамаи шаҳрҳои аробаҳо, ва шаҳрҳои саворагон, ва ҳар он чиро, ки
Сулаймон орзу дошт дар Ерусалим ва дар Лубнон, ва дар тамоми
замини салтанати худ бино кунад.
[7] Тамоми қавме ки аз ҳиттиён ва амӯриён ва фариззиён ва
ҳиввиён ва ябусиён боқӣ монда буданд, онҳое ки аз Исроил
набуданд,
[8] Яъне аз фарзандони онҳо, ки баъд аз онҳо дар замин боқӣ монда
буданд, ва онҳоро банӣ-Исроил маҳв накарда буданд, — ба зиммаи
онҳо Сулаймон хироҷ гузошт, ки то имрӯз чунин аст.
[9] Валекин аз банӣ-Исроил Сулаймон барои корҳои худ касеро
ӯҳдадор нагардонид, зеро ки онҳо ҷанговарон ва мирони саркардаи ӯ
ва сардорони аробаҳо ва саворагони ӯ буданд+.
[10] Ва сарнозироне ки подшоҳ Сулаймон дошт, дусаду панҷоҳ нафар
буданд, ки ба қавм сардорӣ мекарданд.
[11] Ва духтари фиръавнро Сулаймон аз шаҳри Довуд ба хонае ки
барои вай бино карда буд, кӯчонид, зеро ки гуфт: «Зани ман дар
хонаи Довуд, подшоҳи Исроил, сокин нахоҳад шуд, чунки ҳамаи
ҷойҳое ки сандуқи Худованд ба онҳо дохил шудааст, муқаддас аст»+.
[12] Он гоҳ Сулаймон бар қурбонгоҳе ки пеши равоқ бино карда буд,
қурбониҳои сӯхтаниро барои Худованд тақдим менамуд:+
[13] Қурбониҳои сӯхтаниро барои ҳар рӯз бар тибқи фармудаи Мусо,
барои шанбеҳо, ва барои навмоҳҳо, ва барои идҳо се маротиба дар як
сол: дар иди фатир, ва дар иди ҳафтаҳо, ва дар иди хаймаҳо+.

14 Ва бар тибқи дастури падараш Довуд, гурӯҳҳои коҳинонро бар
хизматашон таъин намуд; ва левизодагонро — бар навбатҳошон, то
ки ҳамду сано хонанд ва назди коҳинон хизмати муқарраририро барои
ҳар рӯз ба ҷо оваранд; ва дарбононро — бар ҳасби гурӯҳҳошон назди
ҳар дарвоза; зеро ки фармудаи Довуд, марди Худо, чунин буд+.
15 Ва онҳо аз амре ки подшоҳ ба коҳинон ва левизодагон дар ҳар
бобат ва дар хусуси хазоин дода буд, дур намешуданд.
16 Ва тамоми кори Сулаймон аз рӯзи ниҳодани буньёди хонаи
Худованд то вақти анҷом ёфтани он ҳамин тавр сурат гирифта,
хонаи Худованд ба анҷоми комил расид.
17 Он гоҳ Сулаймон ба Эсьюн-Ҷобар ва ба Эйлат, ки бар соҳили
баҳр, дар замини Адӯм аст, рафт+.
18 Ва Хуром ба ӯ ба воситаи навкарони худ киштиҳо ва ғуломоне
фиристод, ки дарьёгардиро медонистанд, ва онҳо бо навкарони
Сулаймон ба Ӯфир рафтанд, ва аз он ҷо чорсаду панҷоҳ киккар тилло
гирифта, ба подшоҳ Сулаймон оварданд+.

## Сулаймон ва маликаи Сабо.

9 [1] •Ва маликаи Сабо овозаи Сулаймонро шунид, ва бо аҳли
рикоби зиёде ва бо шутуроне ки атриёт ва тиллои бисьёр ва
сангҳои гаронбаҳо бар онҳо бор карда шуда буд, ба Ерусалим омад,
то ки Сулаймонро бо муаммоҳо имтиҳон кунад; ва назди Сулаймон
омада, бо ӯ аз ҳар чи дар дилаш буд, гуфтугӯ кард+.
[2] Ва Сулаймон ҳамаи суханони варо ба вай баён намуд, ва чизе аз
Сулаймон пӯшида намонд, ки ба вай баён накарда бошад.
[3] Ва чун маликаи Сабо ҳикмати Сулаймонро дид, ва низ хонаеро,
ки ӯ бино карда буд,
[4] Ва таомҳои суфраи ӯро, ва шинухези навкарони ӯро, ва рафтори
хизматгорони ӯро, ва либосҳои онҳоро, ва соқиёни ӯро, ва либосҳои
онҳоро, ва ҳашаматеро, ки ӯ бо он ба хонаи Худованд мебаромад, —
вай тамоман моту мабҳут гардид,
[5] Ва ба подшоҳ гуфт: «Он сухане ки ман дар кишвари худ дар
бораи корҳо ва ҳикмати ту шунидаам, рост будааст.
[6] Вале ман ба суханони онҳо бовар накарда будам, то даме ки
омада, бо чашмони худ дидам; ва инак, ҳатто нисфи ҳикмати бузурги
ту ба ман маълум нашуда будааст: аз овозае ки ман шунида будам, ту
бартарӣ дорӣ.
[7] Хушо одамони ту, хушо ин навкарони ту, ки ба ҳузури ту ҳамеша
меистанд ва ҳикмати туро мешунаванд!
[8] Муборак аст Худованд Худои ту, ки бар ту таваҷҷӯҳ намуда, туро
бар тахти Худ нишонидааст, то ки барои Худованд Худоят подшоҳ
бошӣ! Азбаски Худои ту Исроилро дӯст медорад, то ки онҳоро ба
сурати абадӣ устувор созад, бинобар ин туро бар онҳо ба подшоҳӣ
таъин намудааст, то ки доварӣ ва адолатро ба амал оварӣ»+.
[9] Ва ба подшоҳ саду бист киккар тилло, ва атриёти бағоят зиёде, ва
сангҳои гаронбаҳо инъом кард; мисли он атриёте ки маликаи Сабо
ба подшоҳ Сулаймон инъом кард, ҳаргиз набуд.
[10] Ва низ навкарони Ҳуром ва навкарони Сулаймон, ки тилло аз
Ӯфир оварда буданд, чӯби сандал ва сангҳои гаронбаҳо оварданд+.
[11] Ва подшоҳ аз чӯби сандал зинапояҳо барои хонаи Худованд ва
хонаи подшоҳ, ва барбатҳо ва удҳо барои муғанниён сохт; ва мисли

он пештар дар замини Яҳудо дида нашуда буд.
[12] Ва подшоҳ Сулаймон ба маликаи Сабо ҳар чизи дилхоҳи варо,
ки талабида буд, дод, ба замми он чи дар ивази инъоми ба подшоҳ
овардаи вай дода шуд. Ва вай бо навкаронаш рӯ ба ҷониби кишвари
худ ниҳода, равона шуд.

## Сарвати Сулаймон ва даромадҳои бузурги ӯ.

[13] •Ва вазни тиллое ки дар як сол назди Сулаймон меомад,
шашсаду шасту шаш киккар тилло буд,
[14] Илова бар он чи бозоргонон ва савдогарон меоварданд; ва ҳамаи
подшоҳони араб ва ҳокимони вилоятҳо низ тилло ва нуқра барои
Сулаймон меоварданд.
[15] Ва подшоҳ Сулаймон дусад сипари калон аз тиллои кӯфта сохт,
ки барои ҳар сипар шашсад сиқл тиллои кӯфта сарф шуд,
[16] Ва сесад сипари хурд аз тиллои кӯфта сохт, ки барои ҳар сипар
сесад сиқл тилло сарф шуд; ва подшоҳ онҳоро дар хонаи ҷангали
Лубнон гузошт+.
[17] Ва подшоҳ тахти калоне аз оҷ сохт, ва онро бо зари холис
пӯшонид.
[18] Ва тахт шаш зинапоя дошт, ва пойандози тиллоӣ, ки ба тахт
пайванд буд; ва дастмонакҳо аз ду тарафи нишемангоҳ буд, ва ду шер
аз паҳлуи дастмонакҳо меистод.
[19] Ва дувоздаҳ шер дар он ҷо бар шаш зинапоя аз ду тараф меистод;
дар ягон мамлакат мисли он сохта нашуда буд.
[20] Ва ҳамаи зарфҳои нӯшидании подшоҳ Сулаймон аз тилло буд,
ва ҳамаи зарфҳои хонаи ҷангали Лубнон аз зари холис буд; аз нуқра
чизе набуд: он дар айёми Сулаймон ҳеҷ қимате надошт.
[21] Зеро подшоҳ киштиҳо дошт, ки бо навкарони Хуром ба Таршиш
мерафт; дар се сол як дафъа киштиҳои таршишӣ омада, тилло ва
нуқра, оҷ ва маймунҳо ва товусҳо меовард+.
[22] Ва подшоҳ Сулаймон аз ҷиҳати сарват ва ҳикмат аз ҳамаи
подшоҳони рӯи замин бузургтар гардид+.
[23] Ва ҳамаи подшоҳони рӯи замин толиби дидори Сулаймон
буданд, то ҳикматеро, ки Худо дар дили ӯ ниҳода буд, бишнаванд+.

24 Ва онҳо ҳар яке ҳадияи худро: колои нуқра ва колои тилло, ва
либос, аслиҳа ва атриёт, аспон ва хачирон сол ба сол меоварданд.
25 Ва Сулаймон чор ҳазор охур барои аспон ва аробаҳо, ва дувоздаҳ
ҳазор саворагон дошт, ва онҳоро дар шаҳрҳои аробаҳо ва назди
подшоҳ дар Ерусалим ҷойгир кард+.
26 Ва ӯ бар ҳамаи подшоҳон аз наҳр то замини фалиштиён ва то
сарҳади Миср ҳукмронӣ мекард+.
27 Ва подшоҳ нуқраро дар Ерусалим ба сангҳои кӯча баробар
гардонид, ва чӯби арзро ба чӯби чумиз, ки дар пастӣ бисьёр мерӯяд,
баробар сохт.
28 Ва аспонро барои Сулаймон аз Миср ва аз ҳамаи кишварҳо
меоварданд+.

## Фавти Сулаймон.

29 •Ва бақияи аъмоли Сулаймон, аз аввал то охир, дар
навиштаҷоти Нотони набӣ, ва дар нубуввати Аҳиёи шилӯнӣ, ва дар
рӯъёи Еъдӯи ғайбгӯй дар ҳаққи Ёробъом ибни Набот навишта
шудааст.
30 Ва Сулаймон чил сол дар Ерусалим бар тамоми Исроил подшоҳӣ
кард.
31 Ва Сулаймон бо падарони худ хобид, ва ӯро дар шаҳри падараш
Довуд дафн карданд; ва писараш Раҳабъом ба ҷои ӯ подшоҳ шуд.

## Подшоҳии Раҳабъом.

**10** [1] •Ва Раҳабъом ба Шакем рафт, зеро ки тамоми Исроил ба
Шакем омаданд, то ки ӯро подшоҳ кунанд+.
[2] Ва ҳангоме ки Ёробъом инро шунид, — ва ӯ дар Миср буд, чунки
аз пеши подшоҳ Сулаймон гурехта буд, — ва Ёробъом аз Миср
баргашт+.
[3] Ва фиристода, ӯро хонданд; ва Ёробъом ва тамоми Исроил
омаданд, ва ба Раҳабъом сухан ронда, гуфтанд:
[4] «Падарат юғи моро гарон карда буд, вале ту алҳол хизмати сахти
падарат ва юғи гарони варо, ки бар мо ниҳода буд, сабук гардон, ва
мо хизмати туро ба ҷо хоҳем овард»+.
[5] Ва ӯ ба онҳо гуфт: «Баъд аз се рӯз назди ман биёед». Ва қавм
рафтанд.
[6] Ва подшоҳ Раҳабъом аз пироне ки ба ҳузури падараш Сулаймон,
дар вақти зинда будани вай, меистоданд, машварат пурсида, гуфт:
«Шумо чӣ маслиҳат медиҳед, то ки ба ин қавм ҷавоб гардонам?»
[7] Ва онҳо ба ӯ сухан ронда, гуфтанд: «Агар ту ба ин қавм меҳрубон
бошӣ ва дилашонро ба даст оварӣ, ва ба онҳо суханони нек гӯӣ, онҳо
тамоми айём бандагони ту хоҳанд буд».
[8] Вале ӯ машваратеро, ки пирон ба ӯ доданд, рад намуд, ва аз
ҷавононе ки бо ӯ калон шуда буданд ва ба хузураш меистоданд,
машварат пурсид,
[9] Ва ба онҳо гуфт: «Шумо чӣ маслиҳат медиҳед, то ки ба ин қавм
ҷавоб гардонам, ки онҳо ба ман сухан ронда, гуфтанд: „Юғеро, ки
падарат бар мо ниҳода буд, сабук гардон“?»
[10] Ва он ҷавонон, ки бо ӯ калон шуда буданд, ба ӯ сухан ронда,
гуфтанд: «Ба ин қавме ки ба ту сухан ронда, гуфтаанд: „Падарат юғи
моро гарон карда буд, вале ту онро барои мо сабук гардон“, — ту ба
онҳо чунин бигӯ: „Ангушти хурди ман аз камари падарам ғафстар
аст;
[11] Ва алҳол, падарам юғи гароне бар шумо ниҳода буд, вале ман
юғи шуморо боз ҳам гаронтар хоҳам кард; падарам шуморо бо
тозиёнаҳо ҷазо медод, вале ман шуморо бо нешҳои каждум ҷазо
хоҳам дод“».

## Тақсим шудани мамлакат.

## Ёробъом бар Исроил подшоҳ мегардад.

12 Ва Ёробъом ва тамоми қавм дар рӯзи сеюм назди Раҳабъом
омаданд, чунон ки подшоҳ сухан ронда, гуфта буд: «Дар рӯзи сеюм
назди ман биёед».
13 Ва подшоҳ ба онҳо ҷавоби сахт гардонид; ва подшоҳ Раҳабъом
машварати пиронро рад кард.
14 Ва бар тибқи машварати ҷавонон ба онҳо гуфт: «Падарам юғи
шуморо гарон карда буд, вале ман онро боз ҳам гаронтар хоҳам кард;
падарам шуморо бо тозиёнаҳо ҷазо медод, вале ман — бо нешҳои
каждум».
15 Ва подшоҳ ба қавм гӯш надод, зеро ки ин аз ҷониби Худо насиб
шуда буд, то ки Худованд каломи Худро, ки ба воситаи Аҳиёи
шилӯнӣ ба Ёробъом ибни Набот гуфта буд, ба амал оварад+.
16 Ва тамоми Исроил диданд, ки подшоҳ ба онҳо гӯш надод, ва
қавм ба подшоҳ ҷавоб гардонида, гуфтанд:
«На ҳиссаест моро дар Довуд,
ва на меросе дар писари Йисой.
Эй Исроил, ба хаймаҳои худ биравед!
Эй Довуд, акнун дар фикри хонаи худ бош!»
Ва тамоми Исроил ба хаймаҳои худ рафтанд+.
17 Вале бар он банӣ-Исроил, ки дар шаҳрҳои Яҳудо сукунат
доштанд, Раҳабъом подшоҳӣ мекард.
18 Ва подшоҳ Раҳабъом Ҳадӯромро, ки сардори хироҷ буд,
фиристод, вале банӣ-Исроил ӯро сангборон карданд, ва ӯ мурд; ва
подшоҳ Раҳабъом шитобон ба ароба савор шуд, то ки ба Ерусалим
бигрезад+.
19 Ва Исроил ба зидди хонадони Довуд балво карданд, ки то имрӯз
давом дорад.

## Раҳабъом ба Ерусалим бармегардад.

11 [1] Ва Раҳабъом ба Ерусалим омада, аз хонадони Яҳудо ва
Биньёмин саду ҳаштод ҳазор ҷанговарони гузинро ҷамъ овард,
то ки бо Исроил ҷанг карда, салтанатро ба Раҳабъом баргардонад.
[2] Ва каломи Худо бар Шамаъёҳу, марди Худо, нозил шуда, гуфт:+
[3] «Ба Раҳабъом ибни Сулаймон, подшоҳи Яҳудо, ва ба тамоми
Исроил, ки дар Яҳудо ва Биньёмин мебошанд, бигӯй:
[4] „Худованд чунин мегӯяд: набароед ва бо бародарони худ ҷанг
накунед! Ҳар яке ба хонаи худ баргардед, зеро ки ин аз ҷониби Ман
шудааст“». Ва онҳо ба каломи Худованд гӯш доданд, ва аз юриши
зидди Ёробъом баргаштанд.
[5] Ва Раҳабъом дар Ерусалим сокин шуд; ва шаҳрҳои ҳисордор дар
Яҳудо бино кард;+
[6] Ва Байт-Лаҳм, ва Эйтом, ва Тақӯо,
[7] Ва Байт-Сур, ва Сӯкӯ, ва Адуллом,
[8] Ва Ҷат, ва Морешо, ва Зиф,
[9] Ва Адуроим, ва Лохиш, ва Азиқо,
[10] Ва Соръо, ва Аёлӯн, ва Ҳебрӯнро бино кард, ки шаҳрҳои
ҳисордор дар Яҳудо ва Биньёмин мебошанд.
[11] Ва ҳисорҳоро мустаҳкам карда, дар онҳо волиён ва захираҳои
хӯрокворӣ ва равған ва шароб гузошт.
[12] Ва ба ҳар шаҳр сипарҳо ва найзаҳо дода, онҳоро бағоят
мустаҳкам намуд. Ва Яҳудо ва Биньёмин дар ихтиёри ӯ монданд.
[13] Ва коҳинон ва левизодагоне ки дар тамоми Исроил буданд, аз
тамоми ҳудуди худ назди ӯ ҷамъ шуданд,
[14] Зеро ки левизодагон ҳаволии шаҳрҳо ва амлоки худро тарк
карда, ба Яҳудо ва Ерусалим омаданд, чунки Ёробъом бо писаронаш
онҳоро аз каҳонати Худованд дур карда буд,+
[15] Ва барои худ коҳинонро аз баҳри баландиҳо ва нарбузҳо ва
гӯсолаҳое ки сохта буд, таъин намуд+.
[16] Ва аз қафои левизодагон аз ҳамаи сибтҳои Исроил касоне ки
дили худро толиби Худованд Худои Исроил гардонида буданд, ба
Ерусалим омаданд, то ки барои Худованд Худои падарони худ
қурбонӣ кунанд.

[17] Ва онҳо салтанати Яҳудоро мустаҳкам карданд, ва Раҳабъом
ибни Сулаймонро се сол тақвият доданд, зеро ки се сол бо роҳи
Довуд ва Сулаймон мерафтанд.
[18] Ва Раҳабъом Моҳалатро ба занӣ гирифт, ки вай духтари Еримӯт
ибни Довуд ва Абиҳаил бинти Элиоб ибни Йисой буд+.
[19] Ва вай барои ӯ писарон: Еуш ва Шамарьё ва Зоҳамро зоид.
[20] Ва баъд аз вай Маако бинти Абшолӯмро гирифт, ва вай барои ӯ
Абиё ва Аттай ва Зизо ва Шелӯмитро зоид.
[21] Ва Раҳабъом Маако бинти Абшолӯмро аз ҳамаи занон ва
сурриягони худ зиёдтар дӯст медошт, зеро ки ҳаждаҳ зан гирифта
буд, ва шаст суррия дошт; ва бисту ҳашт писар ва шаст духтар ба
дуньё овард.
[22] Ва Раҳабъом Абиё писари Маакоро сардор таъин кард, то ки бар
бародаронаш раис бошад, зеро ки ният дошт варо подшоҳ созад+.
[23] Ва оқилона амал намуда, ҳамаи писаронашро ба ҳамаи
заминҳои Яҳудо ва Биньёмин, ба ҳамаи шаҳрҳои ҳисордор фиристод,
ва барояшон нафақаи калон таъин намуд, ва занони бисьёр пайдо
кард.

## Раҳабъом гирифтори бутпарастӣ мешавад.

12 [1] •Ва ҳангоме ки салтанати Раҳабъом пойдор гардида, қувват
гирифт, ӯ шариати Худовандро тарк кард, ва тамоми Исроил бо
ӯ буданд.
[2] Ва дар соли панҷуми подшоҳии Раҳабъом чунин воқеъ шуд, ки
Шишақ, подшоҳи Миср, ба муқобили Ерусалим баромад, — зеро ки
онҳо ба Худованд осӣ шуда буданд, —+
[3] Бо ҳазору дусад ароба ва шаст ҳазор саворагон; ва қавме ки бо ӯ
аз Миср омада буданд, яъне лубиён, суккиён ва ҳабашиён, сону
шумор надоштанд;
[4] Ва шаҳрҳои ҳисордори Яҳудоро забт карда, назди Ерусалим
омад+.
[5] Ва Шамаъёи набӣ пеши Раҳабъом ва сарварони Яҳудо, ки аз
тарси Шишақ дар Ерусалим ҷамъ шуда буданд, омада, ба онҳо гуфт:
«Худованд чунин мегӯяд: „Шумо Маро тарк кардед, пас Ман низ
шуморо тарк карда, ба дасти Шишақ супурдаам“»+.
[6] Ва сарварони Исроил ва подшоҳ гардан фуроварда, гуфтанд:
«Худованд одил аст!»+
[7] Ва чун Худованд дид, ки онҳо гардан фуроварданд, каломи
Худованд бар Шамаъё нозил шуда, гуфт: «Онҳо гардан фуроварданд,
онҳоро маҳв нахоҳам кард; ва онҳоро кисман раҳо хоҳам кард, ва
ғазаби Ман бар Ерусалим бо дасти Шишақ нахоҳад рехт.
[8] Аммо онҳо хизматгорони вай хоҳанд шуд, то бидонанд, ки
хизмати Ман чӣ гуна аст, ва хизмати салтанатҳои замин чӣ гуна
аст».
[9] Ва Шишақ, подшоҳи Миср, ба Ерусалим баромада, ганҷҳои хонаи
Худованд ва ганҷҳои хонаи подшоҳро гирифт, — ҳамаашро гирифт;
ва сипарҳои тиллоеро, ки Сулаймон сохта буд, гирифт+.
[10] Ва подшоҳ Раҳабъом ба ҷои онҳо сипарҳои мисин сохта, ба
дасти сардорони шотироне ки дари хонаи подшоҳро нигаҳбонӣ
мекарданд, супурд.
[11] Ва ҳар бор, ки подшоҳ ба хонаи Худованд мерафт, шотирон
омада, онҳоро мебардоштанд, ва баъд онҳоро ба ҳуҷраи шотирон
бармегардониданд.

[12] Ва ҳангоме ки ӯ гардан фуровард, хашми Худованд аз ӯ
баргашта, ӯро тамоман маҳв накард; ва дар Яҳудо низ корҳои нек ба
вуҷуд омад+.

## Фавми Раҳабъом.

[13] •Ва подшоҳ Раҳабъом дар Ерусалим қувват гирифта, подшоҳӣ
кард; дар вақти подшоҳ шуданаш Раҳабъом чилу яксола буд, ва
ҳафдаҳ сол дар Ерусалим подшоҳӣ кард, — дар шаҳре ки Худованд аз
ҳамаи сибтҳои Исроил баргузидааст, то ки исми Худро дар он ҷойгир
созад. Ва номи модари ӯ Наамои аммӯнӣ буд.
[14] Ва ӯ корҳои бад кард, зеро дили худро ба он моил нагардонида
буд, ки толиби Худованд бошад.
[15] Ва аъмоли Раҳабъом, аз аввал то охир, дар навиштаҷоти
Шамаъёи набӣ ва Иддӯи ғайбгӯй дар қисми насабномаҳо навишта
шудааст; ва дар миёни Раҳабъом ва Ёробъом ҳама вақт ҷанг буд+.
[16] Ва Раҳабъом бо падарони худ хобид, ва дар шаҳри Довуд дафн
карда шуд; ва писараш Абиё ба ҷои ӯ подшоҳ шуд.

## Бар Яҳудо подшоҳ шудани Абиё.

13 [1] •Дар соли ҳаждаҳуми подшоҳии Ёробъом Абиё бар Яҳудо
подшоҳ шуд.
[2] Се сол ӯ дар Ерусалим подшоҳӣ кард; ва номи модараш Микоёҳу
бинти Уриил, аз Ҷибъо, буд; ва дар миёни Абиё ва Ёробъом ҷанг буд.
[3] Ва Абиё қӯшуни ҷанговарони ҷасурро иборат аз чорсад ҳазор
мардони гузин барои ҷанг ороcт; вале Ёробъом бо лашкари иборат аз
ҳаштсад ҳазор ҷанговарони шуҷои гузин ба муқобили ӯ ба ҷанг
баромад.
[4] Ва Абиё бар кӯҳи Самораим, ки дар кӯҳистони Эфроим воқеъ аст,
бархоста гуфт: «Маро бишнавед, эй Ёробъом ва тамоми Исроил!
[5] Шуморо лозим аст бидонед, ки Худованд Худои Исроил
салтанати Исроилро ба Довуд ва писаронаш бо аҳди намакин ба
сурати абадӣ додааст+.
[6] Вале Ёробъом ибни Набот, ки навкари Сулаймон ибни Довуд буд,
қиём намуда, ба муқобили оғои худ исьён бардошт+.
[7] Ва мардуми ҳеҷу пуч, шахсони нобакор дар гирди ӯ ҷамъ шуда,
бар Раҳабъом ибни Сулаймон ғолиб омаданд, дар сурате ки
Раҳабъом ҷавон ва нармдил буда, ба муқобили онҳо натавонист
истодагӣ намояд.
[8] Ва алҳол шумо гумон мекунед, ки ба муқобили салтанати
Худованд, ки дар дасти писарони Довуд аст, метавонед истодагӣ
намоед, ва шумо анбӯҳи бузурге ҳастед, ва гӯсолаҳои тиллое ки
Ёробъом барои шумо худо гардонидааст, бо шумо мебошад+.
[9] Шумо, охир, коҳинони Худовандро, яъне писарони Ҳорун ва
левизодагонро, бадар рондед, ва барои худ коҳинонро мисли
қавмҳои кишварҳо таъин намудед: ҳар кӣ омада, бо як гӯсолаи нар ва
ҳафт қӯчқор худро такдис намояд, барои худоёни сохта коҳин
мешавад+.
[10] Валекин мо чунин нестем: Худованд Худои мост, ва мо Ӯро тарк
накардаем, ва коҳинон, писарони Ҳорун, хизмати Худовандро ба ҷо
меоваранд, ва левизодагон бо кори худ машғуланд.
[11] Ва онҳо ҳар субҳ ва ҳар шом барои Худованд қурбониҳои
сӯхтанӣ ва бухури муаттар месӯзонанд, ва бар мизи пок нони тақдим

мегузоранд, ва чароғдони тилло ва чароғҳояшро ҳар шом
дармегиронанд, зеро ки мо дастурҳои Худованд Худои худро риоят
менамоем, ва ҳол он ки шумо Ӯро тарк кардаед.
12 Ва инак, ба мо Худо сардорӣ мекунад, ва коҳинони Ӯ, ва
карнайҳои баландовоз, то ки ба муқобили шумо бинавозанд. Эй
банӣ-Исроил! Бо Худованд Худои падарони худ ҷанг накунед, зеро ки
муваффақият нахоҳед ёфт»+.
13 Вале Ёробъом дар ақибгоҳи онҳо камин ниҳод, ва қӯшунаш дар
рӯ ба рӯи Яҳудо буданд, дар сурате ки камин дар ақиби онҳо буд.
14 Ва ҳангоме ки аҳли Яҳудо назар андохтанд, инак, ҳам аз
пешашон ҷанг буд, ва ҳам аз ақибашон; ва сӯи Худованд фарьёд
карданд, ва коҳинон карнайҳоро навохтанд.
15 Ва мардуми Яҳудо бо овози баланд бонг заданд; ва чун мардуми
Яҳудо бонг заданд, Худо Ёробъом ва тамоми Исроилро пеши Абиё ва
Яҳудо шикаст дод.
16 Ва банӣ-Исроил аз пеши Яҳудо гурехтанд, ва Худо онҳоро ба
дасташон супурд.
17 Ва Абиё ва қавми Ӯ ба онҳо зарбаи сахт расониданд, ва аз
Исроил панҷсад ҳазор мардони гузин кушта шуданд.
18 Ва банӣ-Исроил он вақт мағлуб шуданд, ва банӣ-Яҳудо ғолиб
омаданд, зеро ки ба Худованд Худои падарони худ таваккал карданд.
19 Ва Абиё Ёробъомро таъқиб намуда, шаҳрҳои зеринро аз ӯ
гирифт: Байт-Илро бо қасабаҳояш, ва Ешонoро бо қасабаҳояш, ва
Эфрайинро бо қасабаҳояш.

## Фавти Ёробъом.

20 Ва Ёробъом дар айёми Абиё дигар бақувват нашуд; ва Худованд
ӯро зарба зад, ва ӯ мурд+.
21 Вале Абиё қавӣ шуд, ва чордаҳ зан барои худ гирифт, ва бисту ду
писар ва шонздаҳ духтар ба дуньё овард.
22 Ва бақияи аъмоли Абиё, ва рафтор ва гуфтори ӯ дар тафсири
Иддӯи набӣ навишта шудааст+.

## Фавми Абиё. Подшоҳ шудани Осо.

# 14

1 Ва Абиё бо падарони худ хобид, ва ӯро дар шаҳри Довуд
дафн карданд, ва писараш Осо ба ҷои ӯ подшоҳ шуд; дар айёми ӯ
замин даҳ сол оромӣ ёфт.

2 •Ва Осо он чиро, ки дар назари Худованд Худо некӯ ва мақбул
буд, ба амал овард.
3 Ва қурбонгоҳҳои бегона ва баландиҳоро барҳам дод, ва
ҳайкалҳоро шикаст, ва дарахтони бути Ашераро решакан кард+.
4 Ва ба аҳли Яҳудо гуфт, ки Худованд Худои падарони худро ҷӯё
бошанд, ва шариат ва аҳкомро ба амал оваранд.
5 Ва аз ҳамаи шаҳрҳои Яҳудо баландиҳо ва қурбонгоҳҳои бухурро
барҳам дод; ва мамлакат дар ҳузури ӯ оромӣ ёфт.
6 Ва шаҳрҳои ҳисордор дар Яҳудо бино кард, зеро ки замин оромӣ
ёфта буд, ва дар он солҳо касе бо ӯ ҷанг накардааст, зеро ки Худованд
ба ӯ осудагӣ ато намуд+.
7 Ва ӯ ба Яҳудо гуфт: «Ин шаҳрҳоро бино кунем, ва дар гирдашон
деворҳо ва бурҷҳо бо дарвозаҳо ва ғалақаҳо барпо намоем, дар сурате
ки замин ҳанӯз дар ихтиёри мост, зеро ки Худованд Худои худро ҷӯё
шудаем, — мо Ӯро ҷӯё шудем, ва Ӯ аз ҳар тараф ба мо осудагӣ ато
намуд». Ва бино карданд ва муваффақият ёфтанд.
8 Ва Осо лашкаре иборат аз сипардорон ва найзаварон дошт, ки аз
Яҳудо сесад ҳазор буданд, ва аз Биньёмин дусаду ҳаштод ҳазор
сипардорон ва камонварон; ҳамаи инҳо мардони ҷангии шуҷоъ
буданд.

## Осо бар Зораҳ ғолиб меояд.

9 Ва Зораҳи ҳабашӣ бо лашкаре ки аз ҳазор ҳазор сарбоз иборат
буд, ва бо сесад ароба ба муқобили онҳо берун омада, ба Морешо
расид+.
10 Ва Осо ба пешвози ӯ берун омад, ва онҳо дар дараи Сафот назди
Морешо барои ҷанг саф кашиданд.
11 Ва Осо сӯи Худованд Худои худ хонда, гуфт: «Худовандо, ҷуз Ту
касе нест, ки ба камзӯр ба муқобили пурзӯр тавонад мадад расонад.
Пас, эй Худованд Худои мо, ба мо мадад расон, зеро ки мо ба Ту

таваккал кардаем, ва ба исми Ту назди ин анбӯҳ омадаем. Ту
Худованд Худои мо ҳастӣ, намон, ки одамизод аз Ту зӯр бароядд».
12 Ва Худованд ҳабашиёнро пеши Осо ва пеши Яҳудо шикаст дод,
ва ҳабашиён рӯ ба гурез оварданд.
13 Ва Осо ва қавме ки бо ӯ буданд, онҳоро то Ҷарор таъқиб карданд,
ва аз ҳабашиён он қадар фурӯ ғалтиданд, ки дигар ёрои истодагӣ
надоштанд, зеро ки пеши Худованд ва пеши ӯрдуи Ӯ шикаст хӯрданд.
Ва ғанимати зиёде ба даст оварда шуд.
14 Ва ҳамаи шаҳрҳои гирду пеши Ҷарорро зарба заданд, зеро ки
тарси Худованд онҳоро фаро гирифта буд; ва ҳамаи шаҳрҳоро тороҷ
карданд, зеро ки ғанимати зиёде дар онҳо буд+.
15 Ва хаймаҳои чорводоронро низ зарба зада, гӯсфандони зиёд ва
шутуронро гирифта бурданд, ва ба Ерусалим баргаштанд.

## Азарьёҳуи набӣ Осоро огоҳ менамояд.

# 15

1 Ва Рӯҳи Худо бар Азарьёҳу ибни Ӯдид нозил шуд+.
2 Ва ӯ ба истиқболи Осо берун омада, ба вай гуфт: «Эй Осо ва
тамоми Яҳудо ва Биньёмин, маро бишнавед: Худованд бо шумост,
вақте ки шумо бо ӯ бошед, ва агар Ӯро ҷӯё шавед, Ӯ барои шумо ёфт
хоҳад шуд, вале агар Ӯро тарк кунед, Ӯ шуморо тарк хоҳад кард+.
3 Ва айёми зиёде исроилиён бе Худои ҳақ, ва бе коҳини омӯзгор,
ва бе шариат буданд,
4 Вале дар тангии худ сӯи Худованд Худои Исроил баргаштанд, ва
Ӯро ҷӯё шуданд, ва Ӯ барои онҳо ёфт шуд.
5 Ва дар он замонҳо барои ҳар касе ки даробаро мекард, сулҳу
осоиштагӣ набуд, зеро ки бар ҳамаи сокинони заминҳо изтироби
зиёде буд.
6 Ва халқе бо халқе, ва шаҳре бо шаҳре ҷидол мекарданд, зеро ки
Худо онҳоро ба ҳар навъ мусибат гирифтор месохт+.
7 Валекин шумо қавӣ бошед, ва бигзор дастҳотон суст нашавад,
зеро ки барои аъмолатон подоше ҳаст»+.

## Осо бутпарастиро барҳам медиҳад.

8 Ва ҳангоме ки Осо ин суханон ва нубуввати ибни Ӯдиди набиро
шунид, қавидил гардид ва қабоҳатҳоро аз тамоми замини Яҳудо ва
Биньёмин, ва аз шаҳрҳое ки аз кӯҳистони Эфроим гирифта буд,
барҳам дод, ва қурбонгоҳи Худовандро, ки пеши равоқи Худованд
буд, аз нав барқарор кард.
9 Ва тамоми Яҳудо ва Биньёмин, ва ғарибонеро, ки аз Эфроим ва
Менашше ва Шимъӯн бо онҳо сокин буданд, ҷамъ кард, зеро бисьёре
аз Исроил ба ӯ ҳамроҳ шуда буданд, чун диданд, ки Худованд Худои ӯ
бо ӯст+.
10 Ва дар моҳи сеюм, дар соли понздаҳуми подшоҳии Осо, дар
Ерусалим ҷамъ шуданд.
11 Ва дар он рӯз аз ғанимате ки оварда буданд, ҳафтсад гов ва ҳафт
ҳазор гӯсфандро барои Худованд қурбонӣ карданд+.
12 Ва аҳд бастанд, ки Худованд Худои падарони худро бо тамоми
дили худ ва бо тамоми ҷони худ ҷӯё шаванд+.

13 Ва ҳар касе ки Худованд Худои Исроилро ҷӯё нашавад, аз хурд
то калон, аз мард то зан бояд кушта шавад+.
14 Ва бо овози баланд ва бонги шодмонӣ, ва бо навохтани карнайҳо
ва шохҳо ба Худованд қасам хӯрданд.
15 Ва тамоми Яҳудо аз ин қасам шод гардиданд, зеро ки бо тамоми
дили худ қасам хӯрданд, ва бо тамоми иродаи худ Ӯро ҷӯё шуданд, ва
Ӯ барои онҳо ёфт шуд; ва Худованд ба онҳо аз ҳар тараф оромӣ ато
намуд+.
16 Ва низ подшоҳ Осо модари худ Маакоро аз унвони малика
маҳрум кард, барои он ки вай ҳайкале барои Ашера сохта буд; ва Осо
ҳайкали варо шикаста пора-пора кард ва дар водии Қидрӯн сӯзонид+.
17 Валекин баландиҳо аз Исроил дур карда нашуд; аммо дили Осо
тамоми айёми ӯ амин буд.
18 Ва чизҳоеро, ки падараш вақф карда буд, ва чизҳоеро, ки худаш
вақф карда буд, яъне нуқра ва тилло ва зарфҳоро ба хонаи Худованд
даровард.
19 Ва то соли сию панҷуми подшоҳии Осо ҷанг набуд.

## Ҷанг дар миёни Осо ва Баъшо.

16 1 •Дар соли сию шашуми подшоҳии Осо Баъшо, подшоҳи
Исроил, ба муқобили Яҳудо баромада, Роморо бино кард, то ки
касе натавонад назди Осо, подшоҳи Яҳудо, рафтуомад кунад.
2 Ва Осо нуқра ва тиллоро аз хазоини хонаи Худованд ва хонаи
подшоҳ баровард, ва ба Бин-Ҳадад, подшоҳи Арам, ки дар Димишқ
сокин буд, фиристода, гуфт:+
3 «Дар миёни ман ва ту, ва дар миёни падари ман ва падари ту аҳд
буд; пас, аҳдеро, ки бо Баъшо, подшоҳи Исроил, дорӣ, бишкан, то ки
вай аз пеши ман ақиб гардад».
4 Ва Бин-Ҳадад ба подшоҳ Осо гӯш дода, сипаҳдорони худро ба
муқобили шаҳрҳои Исроил фиристод, ва онҳо Ийюн ва Дон ва Обил-
Мойим ва ҳамаи шаҳрҳои захираи Нафтолиро зарба заданд.
5 Ва ҳамин ки Баъшо инро шунид, аз бино кардани Ромо даст
кашида, кори худро хобонид.
6 Ва подшоҳ Осо тамоми аҳли Яҳудоро ҷамъ кард, ва онҳо сангҳои
Ромо ва ҷӯбҳояшро, ки Баъшо бо онҳо бино карда буд, бардошта
бароварданд; ва ӯ Ҷобаъ ва Мисфоро бо онҳо бино намуд.

## Ҳанонии набӣ Осоро мазаммат мекунад.

7 Ва дар он замон Ҳанонии пешбин назди Осо, подшоҳи Яҳудо,
омада, ба ӯ гуфт: «Азбаски ту ба подшоҳи Арам таваккал кардӣ,
валекин ба Худованд Худои худ таваккал накардӣ, бинобар ин
лашкари подшоҳи Арам аз дасти ту раҳо шуд+.
8 Ҳабашиён ва лубиён, охир, соҳиби лашкари бузурге буда,
аробаҳо ва саворагони бағоят зиёде доштанд, вале азбаски ту ба
Худованд таваккал кардӣ, Ӯ онҳоро ба дасти ту супурд+.
9 Зеро ки чашмони Худованд тамоми заминро мушоҳида мекунад,
то онҳоеро, ки дилашон ба Ӯ амин аст, тақвият намояд; ту дар ин
бобат аблаҳӣ кардӣ, бинобар ин минбаъд ба ҷангҳо мубтало хоҳӣ
шуд»+.

## Осо Ҳанониро дар зиндон андохт.

10 Ва Осо ба пешбин ғазаб карда, варо дар зиндон андохт, зеро ки
бар вай барои ин хашмгин шуд; ва дар он замон Осо баъзеро аз миёни

қавм ба танг меовард+.
[11] Ва инак, аъмоли Осо, аз аввал то охир, дар китоби подшоҳони
Яҳудо ва Исроил навишта шудааст.
[12] Ва Осо дар соли сию нӯҳуми подшоҳии худ гирифтори дарди по
гардид, ва дардаш торафт сахт шуд, вале дар беморие худ низ
Худовандро ҷӯё нашуд, балки табибонро.

## Беморӣ ва фавти Осо.

[13] Ва Осо бо падарони худ хобид, ва дар соли чилу якуми
подшоҳии худ вафот кард,
[14] Ва ӯро дар мақбарае ки барои худ дар шаҳри Довуд канда буд,
дафн карданд; ва ӯро дар қабре ки аз атриёт ва моддаҳои хушбӯи
сунъӣ пур буд, гузоштанд, ва барои ӯ оташи ниҳоятдараҷа бузурге
барафрӯхтанд.

## Подшоҳ шудани Еҳӯшофот.

17 1 Ва писараш Еҳӯшофот ба ҷои ӯ подшоҳ шуд, ва бар Исроил
мустаҳкам гардид.
2 Ва дар ҳамаи шаҳрҳои ҳисордори Яҳудо аскаронро ҷойгир кард,
ва дар замини Яҳудо ва дар шаҳрҳои Эфроим, ки падараш Осо забт
карда буд, волиёнро таъин намуд+.
3 Ва Худованд бо Еҳӯшофот буд, зеро ки ӯ бо роҳҳои аввалаи
падараш Довуд рафтор намуд, ва Баалҳоро ҷӯё нашуд,
4 Балки Худои падари худро ҷӯё шуд, ва мувофиқи аҳкоми Ӯ
рафтор намуд, ва на бар тибқи аъмоли Исроил+.
5 Ва Худованд мамлакатро дар дасти ӯ устувор гардонид, ва
тамоми аҳли Яҳудо ҳадияҳо барои Еҳӯшофот меоварданд, ва ӯ сарват
ва шавкати зиёде дошт.
6 Ва дили ӯ дар роҳҳои Худованд фахр менамуд; ва баландиҳо ва
Ашераҳоро низ аз Яҳудо дур кард.
7 Ва дар соли сеюми подшоҳии худ сарваронаш Бен-Ҳайил ва
Убадьё ва Закарьё ва Натанъил ва Микойҳуро фиристод, то ки дар
шаҳрҳои Яҳудо таълим диҳанд.
8 Ва бо онҳо левизодагон: Шамаъёҳу ва Натанъёҳу ва Асоил ва
Шемиромӯт ва Еҳӯнотон ва Адӯниёҳу ва Тӯбиё ва Тӯв-Адӯниё, ки
левизодагон буданд; ва бо онҳо Элишомоъ ва Еҳӯром, ки коҳинон
буданд.
9 Ва онҳо дар Яҳудо таълим медоданд, ва китоби Тавроти
Худованд бо онҳо буд; ва дар ҳамаи шаҳрҳои Худованд гардиш карда,
қавмро таълим медоданд.

## Иқтидори Еҳӯшофот пурзӯр мегардад.

10 Ва тарси Худованд ҳамаи салтанатҳои кишварҳоеро, ки дар
гирду пеши Яҳудо буданд, фаро гирифт, ва онҳо бо Еҳӯшофот ҷанг
накарданд+.
11 Ва аз фалиштиён барои Еҳӯшофот ҳадия ва нуқраи хироҷ
оварданд; арабҳо низ барои ӯ чорво: ҳафт ҳазору ҳафтсад қӯчқор ва
ҳафт ҳазору ҳафтсад нарбуз оварданд.
12 Ва Еҳӯшофот торафт бештар қувват гирифта, бузург шуд; ва дар
Яҳудо қалъаҳо ва шаҳрҳои захираҳо бино кард.

13 Ва ҳунармандони сершуморе барои ӯ дар шаҳрҳои Яҳудо кор
мекарданд; ва мардони ҷангии ҷасуре дар Ерусалим дошт.
14 Ва ин аст шумораи онҳо бар ҳасби хонаводаҳошон: аз Яҳудо
мириҳазорҳо, ки сарвари онҳо Адно буд, ва бо ӯ сесад ҳазор мардони
ҷангӣ буданд.
15 Ва дар паҳлуи ӯ Еҳӯҳонони сарвар буд, ва бо вай дусаду ҳаштод
ҳазор сарбоз буданд.
16 Ва дар паҳлуи вай Амасьё ибни Зикрӣ буд, ки барои Худованд
ионат медод, ва бо ӯ дусад ҳазор мардони ҷангӣ буданд.
17 Ва аз Биньёмин Эльёдои марди ҷангӣ буд, ва бо ӯ дусад ҳазор
камонварон ва сипардорон буданд.
18 Ва дар паҳлуи ӯ Еҳӯзобод буд, ва бо вай саду ҳаштод ҳазор
пешоҳангони лашкар буданд.
19 Инҳо хизмати подшоҳро ба ҷо меоварданд, ғайр аз онҳое ки
подшоҳ дар шаҳрҳои ҳисордор дар тамоми Яҳудо ҷойгир карда буд.

## Иттифоқи Еҳӯшофот бо Аҳъоб.

18 1 •Ва Еҳӯшофот сарват ва шавкати зиёде дошт; ва бо Аҳъоб
хешованд шуд+.
2 Ва баъд аз чанд сол назди Аҳъоб ба Сомария фурӯд омад, ва
Аҳъоб барои ӯ ва барои қавме ки ҳамроҳаш буданд, гӯсфандон ва
говони бисьёре забҳ кард, ва ӯро тарғиб намуд, ки ба Ромӯт-Ҷилъод
барояд+.
3 Ва Аҳъоб, подшоҳи Исроил, ба Еҳӯшофот, подшоҳи Яҳудо, гуфт:
«Оё бо ман ба Ромӯт-Ҷилъод меравӣ?» Ва ӯ ба вай гуфт: «Чунон ки
туӣ, ончунон манам, ва чунон ки қавми туанд, ончунон қавми
мананд, ва ман бо ту ба ҷанг хоҳам рафт»+.

## Анбиёи козиби Аҳъоб.

4 Ва Еҳӯшофот ба подшоҳи Исроил гуфт: «Лутфан, ту имрӯз
каломи Худовандро бипурс».
5 Ва подшоҳи Исроил анбиёро, ки чорсад нафар буданд, ҷамъ
карда, ба онҳо гуфт: «Оё ба Ромӯт-Ҷилъод барои ҷанг биравем, ё ки
худро боздорам?» Ва онҳо гуфтанд: «Бирав, ва Худо онро ба дасти
подшоҳ хоҳад супурд»+.
6 Ва Еҳӯшофот гуфт: «Оё дар ин ҷо боз набии Худованд нест, то ки
аз вай бипурсем?»+
7 Ва подшоҳи Исроил ба Еҳӯшофот гуфт: «Боз як мард ҳаст, ки ба
воситаи вай аз Худованд пурсидан мумкин аст, вале ман аз вай
нафрат дорам, зеро ки вай дар ҳаққи ман ба хубӣ нубувват
намекунад, балки тамоми умри худ ба бадӣ; вай Микойҳу ибни
Йимло мебошад». Ва Еҳӯшофот гуфт: «Подшоҳ чунин нагӯяд».
8 Ва подшоҳи Исроил як хоҷасароро хонда, гуфт: «Микойҳу ибни
Йимлоро ба зудӣ биёр».
9 Ва подшоҳи Исроил ва Еҳӯшофот, подшоҳи Яҳудо, ҳар яке
либосҳои худро пӯшида, бар тахти худ дар майдони даҳани дарвозаи
Сомария нишаста буданд, ва тамоми анбиё ба ҳузури онҳо нубувват
мекарданд.
10 Ва Сидқиёҳу ибни Канъона шохҳои оҳанин барои худ сохта,
гуфт: «Худованд чунин мегӯяд: „Арамиёнро бо инҳо шох хоҳӣ зад, то
ки тамоман маҳв шаванд“»+.

11 Ва тамоми анбиё ҳамин тавр нубувват карда, мегуфтанд: «Ба
Ромӯт-Ҷилъод бирав ва комьёб шав, чунки Худованд онро ба дасти
подшоҳ хоҳад супурд».

## Нубуввати ҳақиқии Микойҳу.

12 Ва қосиде ки барои хондани Микойҳу рафта буд, ба вай сухан
ронда, гуфт: «Инак, анбиё бо як овоз суханони хуб дар ҳаққи подшоҳ
мегӯянд; бигзор сухани ту низ мисли яке аз онҳо бошад, яъне ту ҳам
сухани хуб бигӯй».
13 Ва Микойҳу гуфт: «Қасам ба ҳаёти Худованд, ки он чи Худованд
ба ман бигӯяд, ҳамонро хоҳам гуфт»+.
14 Ва ӯ назди подшоҳ омад, ва подшоҳ ба ӯ гуфт: «Эй Микойҳу, оё
ба Ромӯт-Ҷилъод барои ҷанг биравем, ё ки худро боздорам?» Ва ӯ
гуфт: «Биравед ва комьёб шавед, чунки онҳо ба дасти шумо супурда
хоҳанд шуд».
15 Ва подшоҳ ба ӯ гуфт: «Чанд маротиба ман туро қасам бидиҳам,
ки ба исми Худованд, ғайр аз он чи рост аст, ба ман нагӯӣ?»
16 Ва ӯ гуфт:
«Тамоми Исроилро мисли рамае ки чӯпон надорад, бар кӯҳҳо
пароканда дидам.
Ва Худованд гуфт:
„Инҳо соҳиб надоранд,
пас бигзор ҳар яке ба хонаи худ ба саломатӣ баргарданд“»+.
17 Ва подшоҳи Исроил ба Еҳӯшофот гуфт: «Оё ба ту нагуфтам, ки
вай дар ҳаққи ман ба хубӣ нубувват намекунад, балки ба бадӣ?»
18 Ва ӯ гуфт: «Пас, каломи Худовандро бишнавед: ман Худовандро
бар тахти Худ нишаста дидам, ва тамоми лашкари осмон ба тарафи
рости Ӯ ва ба тарафи чапи Ӯ истода буданд+.
19 Ва Худованд гуфт: „Кист, ки Аҳъоб, подшоҳи Исроилро розӣ
кунад, то ки вай ба Ромӯт-Ҷилъод рафта, фурӯ ғалтад?“ Яке ин тавр
гуфт, ва дигаре он тавр гуфт.
20 Ва рӯҳе берун омада, ба ҳузури Худованд истод ва гуфт: „Ман
ӯро розӣ мекунам“. Ва Худованд ба вай гуфт: „Чӣ гуна?“
21 Вай гуфт: „Ман берун омада, рӯҳи козибе дар даҳони тамоми
анбиёи ӯ мегардам“. Ва Ӯ гуфт: „Ту розӣ хоҳӣ кард ва низ
муваффақият хоҳӣ ёфт; пас берун омада, чунин амал намо“.

22 Ва инак, алҳол Худованд рӯҳи козибе дар даҳони ин анбиёи ту
гузоштааст; вале Худованд дар ҳаққи ту сухани бад гуфтааст».
23 Ва Сидқиёҳу ибни Канъона наздик омада, Микойҳуро як
торсакӣ зад ва гуфт: «Бо кадом роҳ Рӯҳи Худованд аз ман убур
кардааст, то ки бо ту сухан гӯяд?»
24 Ва Микойҳу гуфт: «Инак, дар он рӯзе ки ту ба ҳуҷраи дохилӣ
даромада пинҳон шавӣ, инро хоҳӣ дид»+.
25 Ва подшоҳи Исроил гуфт: «Микойҳуро бигиред, ва ӯро назди
Амӯн, ҳокими шаҳр, ва Йӯош, писари подшоҳ, баргардонед,
26 Ва бигӯед: „Подшоҳ чунин мегӯяд: инро дар зиндон биандозед,
ва нони кам ва оби кам варо бихӯронед, то даме ки ман ба саломатӣ
баргардам“»+.
27 Ва Микойҳу гуфт: «Агар ту ба саломатӣ баргардӣ, Худованд ба
воситаи ман сухан нагуфта бошад». Ва гуфт: «Бишнавед, ҳамаи
қавмҳо!»+

## Ҳарбу зарб назди Ромӯт-Ҷилъод. Фавти Аҳъоб.

28 Ва подшоҳи Исроил ва Еҳӯшофот, подшоҳи Яҳудо, ба Ромӯт-
Ҷилъод рафтанд.
29 Ва подшоҳи Исроил ба Еҳӯшофот гуфт: «Ман либоси дигар
пӯшида, ба ҷанг медароям, валекин ту либоси худро бипӯш». Ва
подшоҳи Исроил либоси дигар пӯшида, ба ҷанг даромад.
30 Ва подшоҳи Арам ба сардорони аробаҳояш амр фармуда, гуфт:
«На бо хурде ва на бо калоне, балки танҳо бо подшоҳи Исроил ҷанг
кунед».
31 Ва ҳангоме ки сардорони аробаҳо Еҳӯшофотро диданд, гуфтанд:
«Подшоҳи Исроил ҳамин аст». Ва ӯро иҳота намуданд, то ки бо ӯ ҷанг
кунанд. Ва Еҳӯшофот фарьёд зад, ва Худованд ба ӯ мадад кард, ва
Худо онҳоро аз ӯ дур сохт.
32 Ва чун сардорони аробаҳо диданд, ки ӯ подшоҳи Исроил нест, аз
ӯ дур шуданд.
33 Ва касе зеҳи камонашро тасодуфан кашида, подшоҳи Исроилро
аз миёни кӯкҳои ҷавшанаш зад; ва ӯ ба аробакаши худ гуфт: «Ҷилавро
гардонида, маро аз майдони ҷанг берун барор, зеро ки бемор
шудаам»+.

[34] Ва дар он рӯз ҷанг авҷ гирифт, ва подшоҳи Исроилро дар
аробааш дар рӯ ба рӯи арамиён то бегоҳирӯзӣ ба по хезонида нигоҳ
доштанд, ва дар вақти ғуруби офтоб ӯ мурд.

## Еҳу иттифоқи Аҳъоб ва Еҳӯшофотро мазаммат менамояд.

**19** 1 Ва Еҳӯшофот, подшоҳи Яҳудо, ба хонаи худ ба Ерусалим ба
саломатӣ баргашт.
2 Ва Еҳу ибни Ҳанонии ғайбгӯй ба истиқболи ӯ берун омад, ва ба
подшоҳ Еҳӯшофот гуфт: «Оё туро сазад, ки ба шарире ёварӣ намоӣ, ва
душманони Худовандро дӯст дорӣ? Аз ин сабаб бар ту ғазабе аз
ҷониби Худованд ба вуҷуд омадааст+.
3 Аммо дар ту аъмоли нек низ ёфт шудааст, чунки Ашераҳоро аз
замин нест кардаӣ, ва дили худро моили он гардонидаӣ, ки Худоро
ҷӯё бошӣ»+.

## Еҳӯшофот худопарастии ҳақиқиро аз нав барқарор менамояд.

4 Ва Еҳӯшофот дар Ерусалим сокин гардида, аз нав назди қавм аз
Беэр-Шобаъ то кӯҳи Эфроим берун омад, ва онҳоро сӯи Худованд
Худои падаронашон баргардонид.
5 Ва доваронро дар мамлакат, дар ҳамаи шаҳрҳои Яҳудо, шаҳр ба
шаҳр, гузошт+.
6 Ва ба доварон гуфт: «Диққат диҳед, ки шумо чӣ гуна амал
мекунед, зеро ки на барои одам доварӣ менамоед, балки барои
Худованд; ва дар амали доварӣ Ӯ бо шумо хоҳад буд+.
7 Ва алҳол, бигзор тарси Худованд бар шумо бошад. Эҳтиёткорона
амал намоед, зеро ки назди Худованд Худои мо беинсофӣ ва рӯбинӣ
ва ришвахӯрӣ нест»+.
8 Ва дар Ерусалим низ Еҳӯшофот аз левизодагон ва коҳинон ва аз
сардорони хонаводаҳои Исроил баҳри доварии Худованд ва
муҳокимаи даъвоҳо гузошт; ва ба Ерусалим баргаштанд+.
9 Ва ба онҳо амр фармуда, гуфт: «Дар тарси Худованд, бо имон ва
дили комил чунин амал кунед,+
10 Ва дар ҳар даъвое ки аз ҷониби бародарони шумо, ки дар
шаҳрҳои худ сукунат доранд, пеши шумо меояд, — хоҳ оид ба
хунрезӣ, хоҳ оид ба шариат, ва аҳком, ва фароиз, ва дастурҳо бошад,
— онҳоро огоҳ намоед, то ки пеши Худованд гуноҳкор нашаванд, ва
бар шумо ва бар бародарони шумо ғазаб наояд; чунин амал кунед, ва
шумо гуноҳкор нахоҳед шуд+.

11 Ва инак, Амарьёҳуи саркоҳин бар сари шумо дар ҳар кори
Худованд аст, ва Забадьёҳу ибни Исмоил, ки раиси хонадони Яҳудо
мебошад, — дар ҳар кори подшоҳ аст, ва нозирони левизода пеши
шумоянд; пас, қавӣ бошед ва амал кунед, ва Худованд бо некон хоҳад
буд».

## Ба Яҳудо ҳуҷум овардани мӯобиён.

**20** 1 Ва баъд аз он чунин воқеъ шуд, ки банӣ-Мӯоб ва банӣ-
Аммӯн, ва бо онҳо баъзе аз маӯниён ба муқобили Еҳӯшофот
барои ҷанг омаданд.
2 Ва назди Еҳӯшофот омаданд ва хабар дода, гуфтанд: «Анбӯҳи
бузурге аз он тарафи баҳр, аз Арам ба муқобили ту меоянд, ва инак,
онҳо ба Ҳасасӯн-Томор, ки ҳамон Айн-Ҷадӣ бошад, расидаанд»+.

## Дуои Еҳӯшофот.

3 Ва Еҳӯшофот ба ҳарос афтод, ва ба мадади Худованд рӯй овард,
ва дар тамоми Яҳудо рӯзадорӣ эълон кард+.
4 Ва аҳли Яҳудо ҷамъ шуданд, то ки аз Худованд мадад пурсанд; аз
ҳамаи шаҳрҳои Яҳудо низ омаданд, то ки аз Худованд мадад пурсанд.
5 Ва Еҳӯшофот дар миёни ҷамоати Яҳудо ва Ерусалим, дар хонаи
Худованд, пеши саҳни нав истода,
6 Гуфт: «Эй Худованд Худои падарони мо! Ту, охир, Худо дар
осмон ҳастӣ, ва Ту бар ҳамаи мамлакатҳои қавмҳо салтанат меронӣ,
ва қувват ва иқтидор дар дасти Туст, ва касе нест, ки тавонад пеши Ту
истодагӣ намояд+.
7 Ту, охир, эй Худои мо, сокинони ин заминро аз пеши қавми Худ
Исроил бадар рондаӣ, ва онро ба насли дӯсти Худ Иброҳим ба сурати
абадӣ додаӣ+.
8 Ва онҳо дар он сокин шуданд, ва барои Ту қудсе ба исми Ту дар
он бино карда, гуфтанд:
9 „Агар мусибате, шамшери ҷазодиҳандае, ё вабо ва қаҳтӣ бар мо
биёяд, мо пеши ин хона ва пеши Ту, — чунки исми Ту дар ин хона аст,
— биистем ва сӯи Ту дар тангии худ истиғоса барем, ва Ту иҷобат
намуда наҷот хоҳӣ дод“+.
10 Ва алҳол, инак, банӣ-Аммӯн ва Мӯоб ва кӯҳи Сеир, ки Ту ба
Исроил, вақте ки аз замини Миср меомаданд, иҷозат надодӣ, ки аз
кишварҳои онҳо убур намоянд, бинобар ин аз пеши онҳо давр зада
гузашта, онҳоро несту нобуд накарданд, —+
11 Инак, онҳо подоши инро ба мо медиҳанд, яъне мехоҳанд, ки
омада, моро аз меросе ки ба тасарруфи мо додаӣ, бадар ронанд.

[12] Эй Худои мо! Худат онҳоро доварӣ намо, зеро мо қувват
надорем, ки пеши анбӯҳи бузурге ки ба муқобили мо меоянд,
истодагӣ намоем, ва мо намедонем чӣ кор кунем, балки чашмони мо
ба сӯи Туст»+.
[13] Ва тамоми аҳли Яҳудо ба ҳузури Худованд истода буданд, низ
кӯдаконашон, занонашон ва писаронашон.

## Худованд ба воситаи Яҳазиил ҷавоб мегардонад.

[14] Ва Яҳазиил ибни Закарьёҳу, ибни Баноё, ибни Яиил, ибни
Маттанъёи левизода, ки аз банӣ-Ософ буд, — бар ӯ Рӯҳи Худованд дар
миёни ҷамоат нозил шуд,+
[15] Ва ӯ гуфт: «Гӯш андозед, эй тамоми Яҳудо ва сокинони
Ерусалим ва подшоҳ Еҳӯшофот! Худованд ба шумо чунин мегӯяд:
„Шумо аз ин анбӯҳи бузург натарсед ва ҳаросон нашавед, зеро ки ин
ҷанг аз они шумо нест, балки аз они Худост.
[16] Фардо бар онҳо фурӯд оед: инак, онҳо ба баландии Сис
мебароянд, ва шумо онҳоро дар интиҳои водӣ, назди биёбони Яруил
хоҳед ёфт.
[17] Дар ин ҷанг шумо нахоҳед ҷангид; шумо, эй Яҳудо ва Ерусалим,
бархоста биистед, ва наҷоти Худовандро, ки бо шумо хоҳад буд,
бубинед! Натарсед ва ҳаросон нашавед! Фардо ба муқобили онҳо
берун оед, ва Худованд бо шумо хоҳад буд“»+.
[18] Ва Еҳӯшофот рӯ ба замин афтод, ва тамоми аҳли Яҳудо ва
сокинони Ерусалим ба ҳузури Худованд афтоданд, то ки ба Худованд
саҷда баранд.
[19] Ва левизодагон аз банӣ-қаҳотиён ва аз банӣ-қӯраҳиён
бархостанд, то ки дар ҳаққи Худованд Худои Исроил бо овози бағоят
баланд ҳамду сано гӯянд+.
[20] Ва бомдодон бармаҳал бархоста, сӯи биёбони Тақӯо берун
омаданд; ва ҳангоме ки берун меомаданд, Еҳӯшофот биистод ва гуфт:
«Маро бишнавед, эй аҳли Яҳудо ва сокинони Ерусалим! Ба Худованд
Худои худ имон оваред ва амин хоҳед буд, ба анбиёи Ӯ имон оваред,
ва комьёб хоҳед шуд»+.
[21] Ва бо қавм машварат карда, мутрибонро таъин намуд, то ки
пешопеши фавҷи пешоҳанг берун рафта, дар шаъни Худованд

бисароянд ва ҳашамати қудсиятро мадҳ карда, бигӯянд: «Худовандро ҳамд гӯед, зеро ки эҳсони Ӯ то абад аст!»+
22 Ва ҳангоме ки онҳо ба сурудан ва ҳамд гуфтан шурӯъ карданд, Худованд бар банӣ-Аммӯн, Мӯоб ва аҳли кӯҳи Сеир, ки ба Яҳудо омада буданд, камин ниҳод, ва онҳо шикаст хӯрданд;
23 Ва банӣ-Аммӯн ва Мӯоб бар сокинони кӯҳи Сеир қиём намуда, онҳоро несту нобуд карданд, ва ҳангоме ки кори сокинони Сеирро тамом карданд, якдигарро куштан гирифтанд+.
24 Ва ҳангоме ки аҳли Яҳудо ба дидбонгоҳи биёбон расида, ба он анбӯҳ назар андохтанд, инак, ҷасадҳои мурда бар замин хобидааст, ва растагоре нест.
25 Ва Еҳӯшофот бо қавми худ барои гирифтани ғанимати онҳо омад, ва назди онҳо молу мулк ва сару либос ва чизҳои гаронбаҳои зиёде ёфтанд, ва барои худ он қадар гирифтанд, ки ёрои бардошта бурдан надоштанд, ва се рӯз онҳо ғаниматро мегирифтанд, зеро ки бағоят бисьёр буд.

## Ботантана ба Ерусалим баргаштанд.

26 Ва дар рӯзи чорум дар водии Баракат ҷамъ шуданд, зеро ки дар он ҷо Худовандро муборак хонданд; бинобар ин номи он маконро водии Баракат ниҳоданд, ки то имрӯз чунин аст.
27 Ва тамоми мардуми Яҳудо ва Ерусалим бо сардории Еҳӯшофот бо шодмонӣ ба Ерусалим баргаштанд, зеро ки Худованд онҳоро бар душманонашон шод гардонида буд.
28 Ва дар Ерусалим бо барбатҳо ва удҳо ва карнайҳо назди хонаи Худованд омаданд.
29 Ва тарси Худо ҳамаи салтанатҳои кишварҳоро фаро гирифт, чун шуниданд, ки Худованд бо душманони Исроил ҷангидааст+.
30 Ва мамлакати Еҳӯшофот осуда шуд, ва Худои ӯ ба ӯ аз ҳар тараф оромӣ ато намуд+.

31 •Ва Еҳӯшофот бар Яҳудо подшоҳӣ кард; дар вақти подшоҳ шуданаш сию панҷсола буд, ва бисту панҷ сол дар Ерусалим подшоҳӣ кард, ва номи модараш Азубо бинти Шилҳӣ буд.
32 Ва бо роҳи падари худ Осо рафтор намуд, ва аз он дур нашуда, он чи дар назари Худованд мақбул буд, ба амал овард.

33 Аммо баландиҳо барҳам дода нашуд, ва қавм ҳанӯз дилҳои
худро сӯи Худои падарони худ равона накарда буданд.
34 Ва бақияи аъмоли Еҳӯшофот, аз аввал то охир, дар вақоеъномаи
Еҳу ибни Ҳанонӣ, ки он дар китоби подшоҳони Исроил дохил аст,
навишта шудааст+.

## Еҳӯшофот бо Аҳазьё шарик мешавад.

35 Ва баъд аз ин Еҳӯшофот, подшоҳи Яҳудо, бо Аҳазьё, подшоҳи
Исроил, ки шарирона рафтор мекард, шарик шуд.
36 Ва бо вай шарик шуд, то ки киштиҳо сохта, ба Таршиш равона
кунад; ва онҳо дар Эсьюн-Ҷобар киштиҳо сохтанд.
37 Ва Элиозар ибни Дӯдовоҳу, ки аз Морешо буд, дар ҳаққи
Еҳӯшофот нубувват намуда, гуфт: «Азбаски бо Аҳазьё шарик шудӣ,
Худованд кори туро вайрон хоҳад кард». Ва киштиҳо дарҳам
шикаста, ба Таршиш натавонистанд бираванд.

Еҳӯром, баъд аз фавти падараш,

## бар Яҳудо подшоҳ мешавад.

# 21

1 Ва Еҳӯшофот бо падарони худ хобид, ва бо падарони худ дар
шаҳри Довуд дафн карда шуд; ва писараш Еҳӯром ба ҷои ӯ
подшоҳ шуд.
2 Ва бародарони ӯ, писарони Еҳӯшофот, инҳо буданд: Азарьё ва
Яҳиил ва Закарьёҳу ва Азарьёҳу ва Микоил ва Шафатьёҳу; ҳамаи инҳо
писарони Еҳӯшофот, подшоҳи Исроил, буданд.
3 Ва падарашон ба онҳо инъомҳои зиёде аз нуқра ва тилло ва
чизҳои гаронбаҳо, бо шаҳрҳои ҳисордор дар Яҳудо, бахшид; валекин
салтанатро ба Еҳӯром дод, зеро ки ӯ нахустзода буд.

4 •Ва ҳангоме ки Еҳӯром салтанати падарашро соҳиб шуда, қувват
гирифт, ҳамаи бародарони худ, ва низ баъзеро аз сарварони Исроил
бо шамшер кушт.
5 Дар вақти подшоҳ шуданаш Еҳӯром сию дусола буд, ва ҳашт сол
дар Ерусалим подшоҳӣ кард.
6 Ва ӯ бо роҳи подшоҳони Исроил рафтор кард, чунон ки хонадони
Аҳъоб рафтор карда буданд, зеро ки духтари Аҳъоб зани ӯ буд, ва он
чи дар назари Худованд бад буд, ба амал овард+.
7 Вале Худованд ба хотири аҳде ки бо Довуд баста буд, нахост
хонадони Довудро ба ҳалокат расонад, зеро ба ӯ ваъда дода буд, ки
барои ӯ ва фарзандони ӯ умрбод чароғе бидиҳад+.

## Исьёни Адӯм ва Либно.

8 Дар айёми ӯ Адӯм аз зери дасти Яҳудо исьён бардошт, ва онҳо
бар худ подшоҳе гузоштанд+.
9 Ва Еҳӯром бо сардорони худ убур намуд, ва ҳамаи аробаҳояш бо
ӯ буд; ва шабона ӯ бархост ва сафҳои адӯмиёнро, ки ӯ ва сардорони
аробаҳоро иҳота карда буданд, рахна намуда, ақиб нишаст.
10 Ва Адӯм аз зери дасти Яҳудо исьён бардошт, ки то имрӯз чунин
аст; дар он замон Либно аз зери дасти ӯ исьён бардошт, зеро ки ӯ
Худованд Худои падарони худро тарк кард.
11 Ҳамчунин ӯ баландиҳо дар кӯҳҳои Яҳудо барпо намуд, ва
сокинони Ерусалимро зинокор гардонид, ва аҳли Яҳудоро ба васваса
андохт.

## Мактуб аз Ильёси набӣ.

12 Ва мактубе аз Ильёси набӣ ба ӯ расид, ки дар он гуфта шуда буд:
«Худованд Худои падарат Довуд чунин мегӯяд: „Азбаски ту бо
роҳҳои падарат Еҳӯшофот ва бо роҳҳои Осо, подшоҳи Яҳудо, рафтор
накардӣ,+
13 Балки бо роҳи подшоҳони Исроил рафтор намуда, аҳли Яҳудо ва
сокинони Ерусалимро зинокор гардондӣ, чунон ки хонадони Аҳъоб
зинокор гардонида буданд; ва низ бародарони худро аз хонадони
падарат, ки аз ту беҳтар буданд, ба қатл расондӣ, —+
14 Инак, Худованд қавми ту, ва писарони ту, ва занони ту, ва
тамоми молу мулки туро ба балои азим гирифтор хоҳад кард;
15 Ва худат ба дардҳои зиёде, яъне ба бемории амъои худ мубтало
хоҳӣ шуд, то ба дараҷае ки амъоят аз он дард рӯз ба рӯз берун хоҳад
омад“».
16 Ва Худованд рӯҳи фалиштиён ва арабҳоро, ки дар паҳлуи
ҳабашиён буданд, ба муқобили Еҳӯром барангехт;+
17 Ва онҳо ба Яҳудо ҳуҷум оварданд, ва онро рахна карда
даромаданд, ва тамоми молу мулкеро, ки дар хонаи подшоҳ ёфт шуд,
ва писарон ва занони ӯро низ ба асирӣ бурданд; ва барои ӯ, ғайр аз
Еҳӯоҳоз, ки хурдтарини писаронаш буд, писаре боқӣ намонд.

## Бемории илоҷнопазири Еҳӯром, ва фавти ӯ.

18 Ва баъд аз ҳамаи ин Худованд амъои ӯро ба бемории
илоҷнопазире гирифтор кард.
19 Ва бо мурури айём, вақте ки ду сол ба интиҳо расид, амъояш аз
шиддати дардаш берун омада, ӯ бо азоби сахте мурд; ва қавмаш
барои ӯ оташ наафрӯхтанд, чунон ки барои падарони ӯ барафрӯхта
буданд+.
20 Дар вақти подшоҳ шуданаш ӯ сию дусола буд, ва ҳашт сол дар
Ерусалим подшоҳӣ кард; ва бе он ки сазовори дилсӯзӣ гардида
бошад, аз дунъё даргузашт, ва ӯро дар шаҳри Довуд дафн карданд,
вале на дар мақбараи подшоҳон.

## Подшоҳии Аҳазьёҳу дар Яҳудо.

22 [1] •Ва сокинони Ерусалим писари хурдии ӯ Аҳазьёҳуро ба ҷои
ӯ подшоҳ карданд, зеро фавҷе ки бо арабҳо ба ӯрдугоҳ даромада
буданд, ҳамаи писарони калониро кушта буданд; ва Аҳазьёҳу ибни
Еҳӯром, подшоҳи Яҳудо, подшоҳ шуд.
[2] Дар вақти подшоҳ шуданаш Аҳазьёҳу чилу дусола буд, ва як сол
дар Ерусалим подшоҳӣ кард; ва номи модараш Атальё бинти Омрӣ
буд+.
[3] Ӯ низ бо роҳҳои хонадони Аҳъоб рафтор намуд, зеро ки модараш
машваратчии ӯ буд, то ки корҳои шарирона бикунад.
[4] Ва мисли хонадони Аҳъоб, он чи дар назари Худованд бад буд, ба
амал овард, зеро ки онҳо, баъд аз фавти падараш, машваратчиёни ӯ
буданд, то ки ба ҳалокат бирасад+.
[5] Бар тибқи машварати онҳо рафтор карда, ӯ бо Йӯром ибни
Аҳъоб, подшоҳи Исроил, ба ҷанги зидди Ҳазоил, подшоҳи Арам, ба
Ромӯт-Ҷилъод рафт, ва арамиён Йӯромро захмдор карданд+.

## Аҳазьёҳу барои дидани Йӯром ба Изреъил меояд.

[6] Ва ӯ ба Изреъил баргашт, то аз захмҳое ки ба ӯ дар Ромо
расонида буданд, вақте ки бо Ҳазоил, подшоҳи Арам, меҷангид,
шифо ёбад; ва Аҳазьёҳу ибни Еҳӯром, подшоҳи Яҳудо, барои дидани
Йӯром ибни Аҳъоб ба Изреъил фурӯд омад, чунки вай бемор буд.
[7] Ва ҳалокати Аҳазьёҳу аз ҷониби Худо буд, ки ӯ назди Йӯром
омад, ва омадан замон бо Йӯром ба Еҳу ибни Нимшӣ муқобил
баромад, ки варо Худованд барои нест кардани хонадони Аҳъоб
тадҳин намуда буд.

## Қатли сарварони Яҳудо. Фавти Аҳазьёҳу.

[8] Ва ҳангоме ки Еҳу аз хонадони Аҳъоб қасос мегирифт, сарварони
Яҳудо ва писарони бародарони Аҳазьёҳуро, ки ба Аҳазьёҳу хизмат
мекарданд, ёфта, онҳоро ба қатл расонид+.
[9] Ва Аҳазьёҳуро талаб кард, ва ӯро дар ҳолате ки дар Сомария
пинҳон шуда буд, дастгир карда, назди Еҳу оварданд, ва ӯро кушта,
дафн карданд, зеро ки гуфтанд: «Ӯ писари Еҳӯшофот аст, ки вай бо

тамоми дили худ Худовандро ҷӯё шуда буд». Ва аз хонадони Аҳазьёҳу касе боқӣ намонд, ки қувват дошта бошад салтанат ронад+.

10 •Ва Атальё, модари Аҳазьёҳу, чун дид, ки писараш мурд, бархоста, тамоми насли подшоҳони хонадони Яҳудоро несту нобуд кард+.

11 Вале Еҳӯшобаъ, духтари подшоҳ, Еҳӯош ибни Аҳазьёҳуро гирифт, ва ӯро аз миёни писарони подшоҳ, ки кушта мешуданд, дуздид, ва ӯро бо ширдораш ба хонаи хобгоҳ бурда ҷойгир кард; ва Еҳӯшобаъ, духтари подшоҳ Еҳӯром, ки зани Еҳӯёдои коҳин буд, — зеро ки вай хоҳари Аҳазьёҳу буд, — ӯро аз Атальё пинҳон кард, ва вай ӯро накушт.

12 Ва ӯ бо онҳо дар хонаи Худо шаш сол пинҳон буд; ва Атальё дар мамлакат подшоҳӣ мекард.

## Еҳӯош дар Яҳудо подшоҳ мешавад.

**23** [1] Ва дар соли ҳафтум Еҳӯёдоъ қувват ёфт, ва мирисадҳо
Азарьё ибни Ерӯҳом, ва Исмоил ибни Еҳӯҳонон, ва Азарьёҳу
ибни Ӯбид, ва Маасиёҳу ибни Адоёҳу, ва Элишофот ибни Зикриро бо
худ гирифта, аҳд баст.
[2] Ва онҳо дар Яҳудо гардиш карданд, ва левизодагонро аз ҳамаи
шаҳрҳои Яҳудо, ва сардорони хонаводаҳои Исроилро ҷамъ карда, ба
Ерусалим омаданд.
[3] Ва тамоми ҷамоат дар хонаи Худо бо подшоҳ аҳд бастанд, ва
Еҳӯёдоъ ба онҳо гуфт: «Инак, писари подшоҳ подшоҳӣ хоҳад кард,
чунон ки Худованд дар бораи банӣ-Довуд гуфтааст+.
[4] Ин аст коре ки шумо бояд ба ҷо оваред: сеяки шумо, яъне онҳое
ки дар шанбе меоянд, иборат аз коҳинон ва левизодагон, дарбонони
назди остонаҳо бошед;+
[5] Ва сеяки дигар — дар хонаи подшоҳ; ва сеяки боқӣ — назди
дарвозаи Есӯд; ва тамоми қавм — дар саҳнҳои хонаи Худованд.
[6] Ва бигзор касе ба хонаи Худованд дохил нашавад, ғайр аз
коҳинон ва хизматгузорони левизода, ки онҳо дохил мешаванд, зеро
ки онҳо муқаддасанд; ва тамоми қавм бигзор навбатдории
Худовандро ба ҷо оваранд.
[7] Ва бигзор левизодагон подшоҳро аз ҳар тараф иҳота намоянд,
дар ҳолате ки ҳар якеро аслиҳааш дар дасташ бошад, ва ҳар кӣ ба
хона дарояд, бояд кушта шавад; ва ҳангоме ки подшоҳ дохил
мешавад ва берун меравад, шумо назди ӯ хоҳед буд».
[8] Ва левизодагон ва тамоми аҳли Яҳудо ҳар он чи Еҳӯёдои коҳин
амр фармуд, ба ҷо оварданд, ва ҳар яке одамони худро, — ҳам
онҳоеро, ки дар шанбе меоянд, ва ҳам онҳоеро, ки дар шанбе берун
мераванд, — гирифтанд, зеро ки Еҳӯёдои коҳин гурӯҳҳоро фориғ
накард.
[9] Ва Еҳӯёдои коҳин найзаҳо ва сипарҳои хурду калони подшоҳ
Довудро, ки дар хонаи Худо буд, ба мирисадҳо дод.
[10] Ва тамоми қавмро, ки ҳар яке аслиҳааш дар дасташ буд, аз
тарафи рости хона то тарафи чапи хона, назди қурбонгоҳ ва назди
хона, гирдогирди подшоҳ гузошт.

11 Ва писари подшоҳро бароварданд, тоҷ ва шаҳодатро бар ӯ
гузоштанд, ва ӯро подшоҳ карданд, ва Еҳӯёдоъ ва писаронаш ӯро
тадҳин намуда, гуфтанд: «Зинда бод подшоҳ!»+

## Қатли Аталъё.

12 Ва Аталъё овози қавмро, ки медавиданд ва подшоҳро madҳ
мекарданд, шунида, назди қавм ба хонаи Худованд омад.
13 Ва дид, ки инак, подшоҳ бар минбари худ назди даромадгоҳ
истодааст, ва сарварон ва карнайҳо назди подшоҳ мебошанд, ва
тамоми қавми мамлакат шодӣ мекунанд ва карнай менавозанд, ва
муғанниён бо асбоби мусиқӣ ҳамду сано мехонанд; ва Аталъё
либосашро чок зада, гуфт: «Хиёнат! Хиёнат!»+
14 Ва Еҳӯёдои коҳин мирисадҳоро, ки сардорони қӯшун буданд,
хонда баровард ва ба онҳо гуфт: «Варо ба миёни сафҳо берун оваред,
ва ҳар кӣ аз ақиби вай биравад, бо шамшер кушта хоҳад шуд». Зеро
коҳин гуфта буд: «Варо дар хонаи Худованд накушед».
15 Ва ба вай роҳ доданд, ва ҳангоме ки вай ба даҳани дарвозаи
аспҳои хонаи подшоҳ расид, дар он ҷо варо куштанд+.

## Еҳӯёдоъ бо қавм аҳд мебандад.

16 Ва Еҳӯёдоъ дар миёни худ ва тамоми қавм ва подшоҳ аҳд баст,
то ки қавми Худованд бошанд.
17 Ва тамоми қавм ба хонаи Баал омада, онро хароб карданд, ва
қурбонгоҳҳо ва бутҳояшро шикастанд, ва Маттонро, ки коҳини Баал
буд, пеши қурбонгоҳҳо куштанд+.
18 Ва Еҳӯёдоъ навбатдориҳои хонаи Худовандро ба дасти коҳинон
ва левизодагон супурд, чунон ки Довуд дар хонаи Худованд тақсим
карда буд, то ки бар тибқи он чи дар Тавроти Мусо навишта шудааст,
бо шодмонӣ ва сурудхонӣ, мувофиқи дастури Довуд, қурбониҳои
сӯхтанӣ барои Худованд тақдим намоянд+.
19 Ва дарбононро назди дарвозаҳои хонаи Худованд гузошт, то
касе ки аз ягон ҷиҳат палид аст, дохил нашавад+.
20 Ва мирисадҳо, ва аъён, ва ҳокимони қавм, ва тамоми қавми
мамлакатро гирифт, ва подшоҳро аз хонаи Худованд фурӯд овард, ва
андаруни дарвозаи болоии хонаи подшоҳ дохил шуданд, ва
подшоҳро бар тахти салтанат нишониданд.

[21] Ва тамоми қавми мамлакат шодӣ карданд, ва шаҳр ором ёфт. Ва
Аталъёро бо шамшер куштанд.

## Подшоҳии Еҳӯош.

24 [1] •Дар вақти подшоҳ шуданаш Еҳӯош ҳафтсола буд, ва чил
сол дар Ерусалим подшоҳӣ кард. Ва номи модараш Сивьё, аз
Беэр-Шобаъ, буд.
[2] Ва Еҳӯош, дар тамоми айёми Еҳӯёдои коҳин, он чиро, ки дар
назари Худованд мақбул буд, ба амал овард.
[3] Ва барои ӯ Еҳӯёдоъ ду зан гирифт, ва ӯ писарон ва духтарон ба
дунъё овард.
[4] Ва баъд аз он чунин воқеъ шуд, ки ба дили Еҳӯош фикри таъмир
кардани хонаи Худованд омад.
[5] Ва ӯ коҳинон ва левизодагонро ҷамъ карда, ба онҳо гуфт: «Ба
шаҳрҳои Яҳудо бароед, ва аз тамоми Исроил барои таъмири хонаи
Худои худ сол ба сол нуқра ҷамъ кунед, ва дар ин кор шитоб
намоед». Валекин левизодагон шитоб накарданд.
[6] Ва подшоҳ Еҳӯёдои саркоҳинро хонда, ба вай гуфт: «Чаро аз
левизодагон талаб накардӣ, ки ҷизьяро, ки Мусо, бандаи Худованд, ва
ҷамоати Исроил барои хаймаи шаҳодат муқаррар намуда буданд, аз
Яҳудо ва Ерусалим биёранд?»+
[7] Зеро ки писарони Атальёи наҷиса ба хонаи Худо зада даромада,
ҳамаи вақфҳои хонаи Худовандро барои Баалҳо истифода карда
буданд.

## Таъмири маъбад.

[8] Ва подшоҳ амр фармуд, ва сандуқе сохта, онро назди дарвозаи
хонаи Худованд аз берун гузоштанд.
[9] Ва дар Яҳудо ва Ерусалим эълон карданд, ки ҷизьяро, ки Мусо
бандаи Худо, дар биёбон бар Исроил муқаррар намуда буд, барои
Исроил биёранд.
[10] Ва ҳамаи сарварон ва тамоми қавм шодӣ карданд, ва оварда дар
сандуқ андохтанд, то даме ки пур шуд+.
[11] Ва ҳангоме ки сандуқро ба воситаи левизодагон назди
амалдорони подшоҳ меоварданд, ва онҳо медиданд, ки нуқра бисьёр
аст, котиби подшоҳ ва амалдори саркоҳин омада, сандуқро холӣ
мекарданд, ва онро бардошта, аз нав дар ҷояш мегузоштанд; ҳамин
тавр рӯз ба рӯз амал намуда, нуқраи зиёде ҷамъ карданд.

12 Ва подшоҳ ва Еҳӯёдоъ онро ба саркороне ки бо корҳои таъмири
хонаи Худованд машғул буданд, медоданд, ва онҳо сангтарошон ва
дуредгаронро барои таъмири хонаи Худованд, ва оҳангарон ва
мисгаронро барои мустаҳкам кардани хонаи Худованд киро
мекарданд.
13 Ва саркорон кор мекарданд, ва корҳои таъмир ба воситаи онҳо
анҷом ёфт, ва хонаи Худоро ба шакли аввалаи он даровარданд, ва
онро мустаҳкам карданд.
14 Ва пас аз анҷом доданашон бақияи нуқраро ба подшоҳ ва
Еҳӯёдоъ оварданд, ва аз он барои хонаи Худованд коло сохтанд, яъне
колои хизмат, ва коло барои қурбониҳои сӯхтанӣ, ва қошуқҳо, ва
асбоби тилло ва нуқра. Ва дар тамоми айёми Еҳӯёдоъ дар хонаи
Худованд қурбониҳои сӯхтанӣ тақдим мекарданд.
15 Ва Еҳӯёдоъ пир ва солхӯрда гардида, мурд; дар вақти мурданаш
саду сисола буд.
16 Ва ӯро дар шаҳри Довуд бо подшоҳон дафн карданд, зеро ки дар
Исроил барои Худо ва барои хонаи Ӯ корҳои нек карда буд.

## Маъсияти сарварон.

17 •Ва баъд аз фавти Еҳӯёдоъ сарварони Яҳудо омада, ба подшоҳ
саҷда бурданд; он гоҳ подшоҳ ба онҳо гӯш дод.
18 Ва онҳо хонаи Худованд Худои падарони худро тарк намуда,
Ашераҳо ва бутҳоро ибодат карданд, ва аз барои ин маъсияташон
ғазабе бар Яҳудо ва Ерусалим ба вуҷуд омад+.
19 Ва Ӯ анбиёро назди онҳо фиристод, то ки онҳоро сӯи Худованд
баргардонанд; ва онҳоро таъкид карданд, вале онҳо гӯш надоданд+.
20 Ва Рӯҳи Худо Закарьё ибни Еҳӯёдои коҳинро фаро гирифт, ва ӯ
бар баландие пеши қавм истода, ба онҳо гуфт: «Худо чунин мегӯяд:
„Чаро шумо аҳкоми Худовандро поймол мекунед? Шумо комьёб
нахоҳед шуд, зеро ки Худовандро тарк кардаед, ва Ӯ низ шуморо тарк
хоҳад кард“»+.
21 Ва онҳо бар ӯ суиқасд намуда, ӯро дар саҳни хонаи Худованд,
бар тибқи амри подшоҳ, сангсор карданд+.
22 Ва подшоҳ Еҳӯош эҳсонеро, ки падари ӯ Еҳӯёдоъ ба вай карда
буд, ба хотир наоварда, писарашро ба қатл расонид. Ва ӯ дар вақти

мурданаш гуфт: «Худованд инро бубинад ва бозхост намояд!»+

## Арамиён ба Яҳудо ҳуҷум мекунанд. Фавти Еҳӯош.

[23] Ва баъд аз гузаштани як сол, лашкари Арам ба муқобили ӯ
баромада, ба Яҳудо ва Ерусалим дохил шуданд, ва ҳамаи сарварони
қавмро аз миёни қавм куштанд, ва тамоми ғаниматеро, ки аз онҳо
гирифта буданд, ба подшоҳи Димишқ фиристоданд.
[24] Агарчи лашкари Арам бо андак одамон омада буданд, Худованд
лашкари бағоят сершуморро ба дасташон супурд, зеро ки Худованд
Худои падарони худро тарк карда буданд; ва Еҳӯошро низ шиканҷа
карданд+.
[25] Ва ҳангоме ки аз пеши ӯ рафтанд, навкаронаш бар Ӯ суиқасд
намуда, ӯро аз барои хуни писари Еҳӯёдои коҳин бар бистараш
куштанд, ва ӯ мурд. Ва ӯро дар шаҳри Довуд дафн карданд, вале ӯро
дар мақбараи подшоҳон дафн накарданд.
[26] Ва касоне ки бар ӯ суиқасд карданд, инҳоянд: Зобод ибни
Шимъоти аммӯния, ва Еҳӯзобод ибни Шимрити мӯобия.
[27] Ва дар бораи писаронаш, ва дар бораи нубувватҳои зиёде ки дар
ҳаққи ӯ карданд, ва дар бораи таъмири хонаи Худованд дар эзоҳоти
китоби подшоҳон навишта шудааст. Ва писараш Амасьё ба ҷои ӯ
подшоҳ шуд.

## Амасьё бар Яҳудо подшоҳӣ мекунад.

25 [1] •Амасьё дар синни бисту панҷсолагӣ подшоҳ шуд, ва бисту
нӯҳ сол дар Ерусалим подшоҳӣ кард; ва номи модараш Еҳӯадон,
аз Ерусалим, буд.
[2] Ва он чи дар назари Худованд мақбул буд, ба амал овард, аммо
на бо дили комил.
[3] Ва ҳангоме ки салтанат дар дасташ мустаҳкам шуд, навкарони
худро, ки падараш подшоҳро кушта буданд, ба қатл расонид+.
[4] Вале писарони онҳоро накушт, бар тибқи навиштаи китоби
Таврoти Мусо, ки дар он Худованд амр фармуда, гуфтааст: «Падарон
набояд барои гуноҳи писарон кушта шаванд, ва писарон набояд
барои гуноҳи падарон кушта шаванд, балки ҳар кас бояд барои
гуноҳи худаш кушта шавад»+.

## Ҷанг ба муқобили Адӯм.

[5] Ва Амасьё аҳли Яҳудоро ҷамъ кард, ва онҳоро мувофиқи
хонаводаҳо, дар тамоми Яҳудо ва Биньёмин, зери фармони
мириҳазорҳо ва мирисадҳо гузошт; ва онҳоро аз бистсола ва болотар
дар шумор оварда, сесад ҳазор гузинони найзавар ва сипардорро ёфт,
ки метавонистанд ба аскарӣ бираванд+.
[6] Ва аз Исроил сад ҳазор мардони ҷангиро ба баҳои сад киккар
нуқра киро кард.
[7] Вале марди Худо назди ӯ омада, гуфт: «Эй подшоҳ! Бигзор
лашкари Исроил бо ту нараванд, зеро ки Худованд бо Исроил, яъне бо
тамоми банӣ-Эфроим нест.
[8] Балки худат бирав, ва амал намуда, дар ҷанг қавӣ шав, вагар на
туро Худо пеши душман мағлуб хоҳад кард, зеро ки Худо қодир аст
мадад расонад ва мағлуб созад».
[9] Ва Амасьё ба марди Худо гуфт: «Пас, оид ба сад киккар нуқрае ки
ба фавҷи Исроил додаам, чӣ кунам?» Ва марди Худо гуфт: «Худованд
қодир аст ба ту аз ин зиёдтар бидиҳад».
[10] Ва Амасьё он фавҷро, ки назди ӯ аз Эфроим омада буданд, ҷудо
кард, то ки ба макони худ бираванд; ва ғазаби онҳо бар Яҳудо бағоят
аланга гирифт, ва онҳо хашмгин шуда, ба макони худ баргаштанд.

[11] Ва Амасьё далер гардида, қавми худро пеш бурд, ва ба дараи
Милҳ расида, аз банӣ-Сеир даҳ ҳазор нафарро кушт+.
[12] Ва банӣ-Яҳудо даҳ ҳазор нафарро зинда асир карда, ба қуллаи
Солаъ оварданд; ва онҳоро аз қуллаи Солаъ партофтанд, ва ҳамаашон
нобуд шуданд+.
[13] Ва аҳли он фавҷ, ки Амасьё онҳоро баргардонида буд, то ки бо ӯ
ба ҷанг нараванд, дар шаҳрҳои Яҳудо, аз Сомария то Байт-Ҳӯрӯн,
пароканда шуда, се ҳазор нафарро куштанд, ва ғанимати зиёдеро ба
тороҷ бурданд.
[14] Ва ҳангоме ки Амасьё ба адӯмиён шикаст расонида баргашт, ӯ
худоёни банӣ-Сеирро оварда, назди худ онҳоро ҳамчун худоён
барқарор намуд, ва пеши онҳо саҷда бурд, ва барои онҳо бухур
сӯзонид+.
[15] Ва ғазаби Худованд бар Амасьё аланга гирифт, ва набиеро назди
ӯ фиристод, ки вай ба ӯ гуфт: «Чаро ту худоёни қавмеро ҷӯё шудаӣ,
ки онҳо натавонистанд қавми худро аз дасти ту раҳо кунанд?»
[16] Ва ҳангоме ки вай ба ӯ сухан меронд, ӯ ба вай гуфт: «Оё туро
машваратчии подшоҳ таъин кардаанд? Бас кун, чаро туро
бикушанд?» Ва набӣ бас карда, гуфт: «Медонам, ки Худо қарор
додааст туро нобуд кунад, зеро ки ту ин корро кардӣ, ва ба
машварати ман гӯш надодӣ».

## Ҷанги Яҳудо бо Исроил.

[17] Ва Амасьё, подшоҳи Яҳудо, машварат намуд, ва назди Юош ибни
Еҳӯоҳоз ибни Еҳу, подшоҳи Исроил, фиристода, гуфт: «Биё, рӯ ба рӯ
шавем».
[18] Ва Юош, подшоҳи Исроил, назди Амасьё, подшоҳи Яҳудо,
фиристода, гуфт: «Мушхоре ки дар Лубнон аст, ба арзе ки дар Лубнон
аст, фиристода, гуфтааст: „Духтари худро ба писари ман ба занӣ
бидеҳ“. Валекин хайвони даштие ки дар Лубнон аст, гузар карда,
мушхорро поймол намудааст+.
[19] Мегӯӣ: „Инак, Адӯмро шикаст додам“, ва дилат мағрур шудааст,
ва ту бо худ меболӣ. Алҳол дар хонаи худ бинишин. Чаро ту
бадбахтиро иғво медиҳӣ, то ки худат фурӯ ғалтӣ, ва ҳамчунин Яҳудо
ҳамроҳи ту?»

[20] Вале Амасьё гӯш надод, зеро ки ин аз ҷониби Худо буд, то ки
онҳоро ба дасти душман бисупорад, чунки худоёни Адӯмро ҷӯё шуда
буданд.
[21] Ва Юош, подшоҳи Исроил, баромад, ва ӯ ва Амасьё, подшоҳи
Яҳудо, дар Байт-Шемеш, ки дар Яҳудост, рӯ ба рӯ шуданд+.
[22] Ва аҳли Яҳудо пеши Исроил мағлуб гардида, ҳар яке ба
хаймаҳои худ гурехта рафтанд.
[23] Ва Юош, подшоҳи Исроил, Амасьё ибни Еҳӯош ибни Еҳӯоҳоз,
подшоҳи Яҳудоро дар Байт-Шемеш дастгир намуд, ва ӯро ба
Ерусалим овард, ва ҳисори Ерусалимро аз дарвозаи Эфроим то
дарвозаи кунҷакӣ, ба андозаи чорсад зироъ хароб кард;+
[24] Ва тамоми тилло ва нуқра, ва тамоми колоеро, ки дар хонаи
Худо назди Убайд-Адӯм ёфт шуд, ва хазоини хонаи подшоҳ, ва
гаравгононро гирифта, ба Сомария баргашт+.
[25] Ва Амасьё ибни Еҳӯош, подшоҳи Яҳудо, баъд аз фавти Юош ибни
Еҳӯоҳоз, подшоҳи Исроил, понздаҳ сол зиндагӣ кард.

## Фавти Амасьё.

[26] Ва бақияи аъмоли Амасьё, аз аввал то охир, дар китоби
подшоҳони Яҳудо ва Исроил навишта шудааст.
[27] Ва аз замоне ки Амасьё аз пайравии Худованд дур шуд, дар
Ерусалим ба муқобили ӯ суиқасд карданд, ва ӯ ба Локиш гурехт; ва аз
ақиби ӯ ба Локиш фиристоданд, ва ӯро дар он ҷо куштанд+.
[28] Ва ӯро бар аспҳо бардошта оварданд, ва ӯро бо падаронаш дар
шаҳри Довуд дафн карданд.

## Подшоҳ шудани Узиё ва муваффақиятҳои ҳарбии ӯ.

**26** 1 •Ва тамоми қавми Яҳудо Узиёро, ки шонздаҳсола буд,
гирифта, ба ҷои падараш Амасьё ӯро подшоҳ карданд.
2 Баъд аз он ки подшоҳ Амасьё бо падаронаш хобид, Узиё Эйлатро
бино кард, ва онро ба Яҳудо баргардонид+.
3 Узиё дар вақти подшоҳ шуданаш шонздаҳсола буд, ва панҷоҳу ду
сол дар Ерусалим подшоҳӣ кард; ва номи модараш Екольё, аз
Ерусалим, буд.
4 Ва он чи дар назари Худованд мақбул буд, ба амал овард,
мувофиқи ҳар он чи падараш Амасьё ба амал оварда буд+.
5 Ва дар айёми Закарьё, ки рӯъёҳои Худоро фаҳм менамуд, ӯ
Худоро ҷӯё буд, ва дар рӯзҳое ки Худовандро ҷӯё буд, Худо ӯро
комьёб мегардонид+.
6 Ва ӯ берун омада, бо фалиштиён ҷанг кард, ва ҳисори Ҷат ва
ҳисори Ебне ва ҳисори Ашдӯдро хароб кард, ва дар ҳудуди Ашдӯд ва
фалиштиён шаҳрҳо сохт.
7 Ва Худо ба ӯ ба муқобили фалиштиён ва ба муқобили арабҳое ки
дар Гур-Боал сукунат доштанд, ва ба муқобили маӯниён мадад
расонид+.
8 Ва аммӯниён ба Узиё хироҷ медоданд, ва номи ӯ то ҳудуди Миср
шӯҳрат ёфт, зеро ки ӯ ниҳоятдараҷа пурзӯр гардида буд+.
9 Ва Узиё бурҷҳо дар Ерусалим, бар дарвозаи кунҷакӣ ва бар
дарвозаи Дара ва бар гӯшаи ҳисор бино кард, ва онҳоро мустаҳкам
намуд+.
10 Ва бурҷҳо дар биёбон бино кард, ва чоҳҳои бисьёр канд, зеро ки
чорвои зиёде дар пастӣ ва дар даштрӯя, ва зореон ва боғбонон дар
кӯҳистон ва боғистон дошт, чунки зироатро дӯст медошт.
11 Ва Узиё лашкаре барои амалиёти ҳарбӣ дошт, ки фавҷ-фавҷ ба
майдони корзор мебаромаданд, бар тибқи рӯйхати саршуморашон,
ки он ба воситаи Яиили котиб ва Маасиёи нозир бо сардории
Ҳананьёҳу, ки яке аз сарварони подшоҳ буд, тартиб дода шуда буд.
12 Шумораи умумии сардорони хонаводаҳо, ки мардони ҷангӣ
буданд, ду ҳазору шашсад нафар буд.

[13] Ва зери дасташон сесаду ҳафт ҳазору панҷсад нафар ҷанговарон буданд, ки бо мардонагӣ ҷангида, ба подшоҳ бар зидди душман мадад мерасониданд.
[14] Ва Узиё барои онҳо, яъне барои тамоми лашкар, сипарҳо ва найзаҳо ва хӯдҳо ва ҷавшанҳо ва камонҳо ва сангҳои фалохмон тайёр кард.
[15] Ва дар Ерусалим манҷаниқҳое ки амали устоёни моҳир буд, сохт, то ки онҳо бар бурҷҳо ва гӯшаҳои ҳисор барои андохтани тирҳо ва сангҳои калон гузошта шавад. Ва номи ӯ то ҷойҳои дурдаст шӯҳрат ёфт, зеро ки ӯ барои комьёбии худ чизҳои аҷоиб сохта, бағоят қавӣ гардид.

## Маъсияти Узиё ва ҷазо диданаш.

[16] Ва ҳангоме ки ӯ қавӣ шуд, дилаш то ба дараҷаи бадкирдорӣ мутакаббир гардида, ба Худованд Худои худ хиёнат қард, ва ба маъбади Худованд даромад, то ки бухур бар қурбонгоҳи бухур бисӯзонад.
[17] Ва аз паи ӯ Азарьёҳуи коҳин даромад, ва коҳинони Худованд, ҳаштод марди далер ҳамроҳи ӯ буданд.
[18] Ва онҳо дар гирди подшоҳ Узиё истода, ба ӯ гуфтанд: «Туро, эй Узиё, раво нест, ки барои Худованд бухур бисӯзонӣ, балки ин кори коҳинони банӣ-Ҳорун аст, ки барои сӯзонидани бухур тақдис шудаанд; аз қудс берун рав, зеро ки ту хиёнат кардаӣ, ва ин барои ту сабаби шаъну шараф аз ҷониби Худованд Худо нахоҳад буд»+.
[19] Ва Узиё дарғазаб шуд, дар ҳолате ки маҷмари бухурсӯзонӣ дар дасташ буд, ва ҳамин ки ғазабаш бар коҳинон аланга зад, пеши коҳинон дар хонаи Худованд, назди қурбонгоҳи бухур, махав бар пешонии ӯ пайдо шуд.
[20] Ва Азарьёҳуи саркоҳин ва ҳамаи коҳинон ба ӯ назар андохтанд, ва инак, махав бар пешонии ӯ буд, ва бошитоб ӯро аз он ҷо бароварданд, ва худаш низ ба баромадан шитофт, зеро ки Худованд ӯро ба бало гирифтор карда буд+.
[21] Ва подшоҳ Узиё то рӯзи фавти худ махавӣ буд ва дар махавхона сукунат дошт, зеро ки аз хонаи Худованд рад карда шуда буд. Ва писараш Ютом сардори хонаи подшоҳ буда, қавми мамлакатро доварӣ менамуд+.

## Фавти Узиё; дар Яҳудо подшоҳ шудани Ютом.

[22] Ва бақияи аъмоли Узиёро, аз аввал то оҳир, набӣ Ишаъё ибни
Омӯс навиштааст+.
[23] Ва Узиё бо падарони худ хобид, ва ӯро бо падаронаш дар
майдони мақбараи подшоҳон дафн карданд, зеро ки гуфтанд: «Ӯ
махавист». Ва писараш Ютом ба ҷои ӯ подшоҳ шуд.

## Подшоҳии Ютом ва фавти ӯ.

27 [1] •Дар вақти подшоҳ шуданаш Ютом бисту панҷсола буд, ва
шонздаҳ сол дар Ерусалим подшоҳӣ кард; ва номи модараш
Ерушо бинти Содӯқ буд.
[2] Ва он чи дар назари Худованд мақбул буд, ба амал овард,
мувофиқи ҳар он чи падараш Узиё ба амал оварда буд, аммо ба
маъбади Худованд дохил нашуд, вале қавм ҳанӯз гуноҳ мекарданд+.
[3] Ва ӯ дарвозаи болои хонаи Худовандро бино кард, ва назди
ҳисори бурҷи Ӯфал иморати бисьёре сохт+.
[4] Ва бар кӯҳистони Яҳудо шаҳрҳо бино кард, ва дар ҷангалистон
қалъаҳо ва бурҷҳо сохт.
[5] Ва ӯ бо подшоҳи банӣ-Аммӯн ҷанг карда, бар онҳо дастболо шуд,
ва дар он сол банӣ-Аммӯн ба ӯ сад киккар нуқра ва даҳ ҳазор кӯр
гандум, ва даҳ ҳазор кӯр ҷав доданд. Ва дар соли дуюм ва соли сеюм
банӣ-Аммӯн ҳамин чизҳоро ба ӯ доданд.
[6] Ва Ютом пурзӯр гардид, зеро ки роҳҳои худро пеши Худованд
Худои худ дуруст гардонида буд.
[7] Ва бақияи аъмоли Ютом, ва ҳамаи ҷангҳояш ва рафтораш дар
китоби подшоҳони Исроил ва Яҳудо навишта шудааст.
[8] Дар вақти подшоҳ шуданаш ӯ бисту панҷсола буд, ва шонздаҳ сол
дар Ерусалим подшоҳӣ кард.
[9] Ва Ютом бо падарони худ хобид, ва ӯро дар шаҳри Довуд дафн
карданд, ва писараш Оҳоз ба ҷои ӯ подшоҳ шуд.

## Подшоҳии Оҳоз.

**28** 1 •Дар вақти подшоҳ шуданаш Оҳоз бистсола буд, ва шонздаҳ
сол дар Ерусалим подшоҳӣ кард; вале он чи дар назари
Худованд мақбул буд, мисли падараш Довуд ба амал наовард,
2 Балки бо роҳҳои подшоҳони Исроил рафтор намуд; ва ҳатто
ҳайкалҳои рехта барои Баалҳо сохт;
3 Ва ӯ дар дараи Бен-Ҳиннӯм бухур сӯзонид, ва писарони худро аз
оташ гузаронид, мувофиқи одатҳои зишти халқҳое ки Худованд
онҳоро аз пеши банӣ-Исроил бадар ронда буд;+
4 Ва бар баландиҳо ва талҳо ва зери ҳар дарахти сабз қурбонӣ
мекард ва бухур месӯзонид+.

## Ҷанги бемуваффақияти Оҳоз бо Фақаҳ.

5 Ва Худованд Худояш ӯро ба дасти подшоҳи Арам супурд; ва онҳо
ӯро зарба заданд, ва асирони зиёдеро аз ӯ гирифта, ба Димишқ
burdand. Ва ӯ ба дасти подшоҳи Исроил низ супурда шуд, ва вай ба ӯ
зарбаи бузурге расонид+.
6 Ва Фақаҳ ибни Рамальёҳу дар Яҳудо саду бист ҳазор нафарро, ки
ҳамаашон мардони ҷангӣ буданд, дар як рӯз кушт, чунки онҳо
Худованд Худои падарони худро тарк карда буданд.
7 Ва Зикрӣ, ки паҳлавони Эфроим буд, Маасиёҳу писари подшоҳ ва
Азриқом раиси хона ва Элқоноро, ки шахси дуюм баъд аз подшоҳ
буд, кушт.
8 Ва банӣ-Исроил аз бародарони худ дусад ҳазор занон, писарон ва
духтаронро ба асирӣ гирифтанд, ва низ ғанимати зиёде аз онҳо
тороҷ карданд, ва он ғаниматро ба Сомария оварданд.
9 Ва дар он ҷо набии Худованд буд, ки Ӯдид ном дошт; ва ӯ ба
истиқболи лашкаре ки ба Сомария меомаданд, баромада, ба онҳо
гуфт: «Инак, чун Худованд Худои падаронатон бар Яҳудо дарғазаб
шуд, онҳоро ба дасти шумо супурд, ва шумо онҳоро бо хашме ки
шиддаташ ба осмон расидааст, куштед+.
10 Ва алҳол шумо мехоҳед, ки писарони Яҳудо ва Ерусалимро ба
ғуломон ва канизони худ табдил диҳед? Бо ин, охир, шумо худро
пеши Худованд Худои худ гуноҳкор месозед!

[11] Ва алҳол ба ман гӯш дода, асиронеро, ки аз бародарони худ
гирифтаед, баргардонед, зеро ки оташи ғазаби Худованд бар
шумост».
[12] Ва баъзе касон аз сардорони банӣ-Эфроим, чунончи: Азарьёҳу
ибни Еҳӯҳонон, ва Барахьёҳу ибни Машиллимӯт, ва Еҳизқиёҳу ибни
Шаллум, ва Амосо ибни Ҳадлой ба истиқболи лашкариёне ки аз ҷанг
бармегаштанд, бархоста,
[13] Ба онҳо гуфтанд: «Асиронро ба ин ҷо набиёред, зеро ки ин амал
бар мо гуноҳе пеши Худованд хоҳад шуд, ва шумо мехоҳед гуноҳҳо
ва маъсиятҳои моро афзун гардонед, чунки гуноҳи мо азим аст, ва
оташи ғазаб бар Исроил хоҳад буд».
[14] Ва фавҷи пешоҳанг асирон ва ғаниматро пеши сарварон ва
тамоми ҷамоат вогузоштанд.
[15] Ва мардоне ки номашон зикр ёфт, бархоста, асиронро дастгирӣ
карданд, ва ҳамаи бараҳнагони онҳоро аз ғанимат пӯшониданд, —
яъне онҳоро сару либос ва пойафзол пӯшониданд, ва хӯрониданд, ва
нӯшониданд, ва равған молиданд, ва ҳамаи камқувватонро ба харҳо
савор карда, ба Ериҳӯ, ки шаҳри нахлҳост, назди бародаронашон
бурданд, ва худашон ба Сомария баргаштанд+.

## Адӯмиён ва фалиштиён ба Яҳудо ҳуҷум мекунанд.

[16] Дар он замон подшоҳ Оҳоз назди подшоҳони Ашшур фиристод,
то ки ба ӯ мадад расонанд.
[17] Ва боз адӯмиён омада, Яҳудоро зарба заданд, ва ба асирӣ
гирифтанд+.
[18] Ва фалиштиён ба шаҳрҳои пастӣ ва ҷануби Яҳудо зада даромада,
Байт-Шемеш, ва Аёлӯн, ва Ҷадирӯт, ва Сӯкӯро бо деҳоташ, ва Тимноро
бо деҳоташ, ва Ҷимзӯро бо деҳоташ забт карданд, ва дар он ҷо сокин
шуданд+.
[19] Зеро ки Худованд Яҳудоро аз боиси Оҳоз, подшоҳи Исроил,
поймол гардонид, чунки ӯ Яҳудоро ба фисқу фуҷур гирифтор кард ва
ба Худованд бисьёр хиёнат намуд.
[20] Ва Тиҷлат Филосар, подшоҳи Ашшур, назди ӯ омад, валекин ӯро
ба танг овард ва мададе ба ӯ нарасонид+.
[21] Агарчи Оҳоз ганҷҳои хонаи Худованд, ва хонаи подшоҳ ва
сарваронро гирифта ба подшоҳи Ашшур дод, вай ба ӯ мадад накард.

22 Ва бо вуҷуди тангии аҳволи худ, ӯ, подшоҳ Оҳоз, ба Худованд
хиёнат кардан гирифт.
23 Ва барои худоёни Димишқ, ки ӯро зарба зада буданд, қурбониҳо
тақдим намуда, гуфт: «Азбаски худоёни подшоҳони Арам ба онҳо
мадад мерасонанд, бинобар ин ман ҳам барои онҳо қурбонӣ
мекунам, ва онҳо ба ман мадад хоҳанд кард». Валекин онҳо боиси
мағлубияти ӯ ва тамоми Исроил гардиданд.
24 Ва Оҳоз колои хонаи Худоро ҷамъ кард, ва колои хонаи Худоро
пора-пора кард, ва дарҳои хонаи Худовандро баст, ва дар ҳар гӯшаи
Ерусалим қурбонгоҳҳо барои худ сохт.
25 Ва дар ҳамаи шаҳрҳои Яҳудо баландиҳо сохт, то ки барои
худоёни бегона бухур сӯзонад, ва бо ин рафтораш Худованд Худои
падарони худро хашмгин кард.

## Фавти Оҳоз, бар тахт нишастани Ҳизқиё.

26 Ва бақияи аъмоли ӯ, ва ҳамаи роҳҳои ӯ, аз аввал то охир, дар
китоби подшоҳони Яҳудо ва Исроил навишта шудааст.
27 Ва Оҳоз бо падарони худ хобид, ва ӯро дар шаҳр, дар Ерусалим
дафн карданд, валекин ӯро ба мақбараи подшоҳони Исроил
наоварданд; ва писараш Ҳизқиё ба ҷои ӯ подшоҳ шуд.

## Ҳизқиё дар Яҳудо подшоҳӣ мекунад ва худопарастиро аз нав барқарор менамояд.

29 1 •Ҳизқиё дар синни бисту панҷсолагӣ подшоҳ шуд, ва бисту
нӯҳ сол дар Ерусалим подшоҳӣ кард. Ва номи модараш Абиё
бинти Закарьё буд.
2 Ва он чи дар назари Худованд мақбул буд, ба амал овард,
мувофиқи ҳар он чи падараш Довуд ба амал оварда буд.
3 Дар соли аввали подшоҳии худ, дар моҳи якум, ӯ дарҳои хонаи
Худовандро воз кард ва онҳоро таъмир намуд.
4 Ва коҳинон ва левизодагонро оваронид, ва онҳоро дар майдони
шарқӣ ҷамъ кард.
5 Ва ба онҳо гуфт: «Маро бишнавед, эй левизодагон! Алҳол худро
тақдис намоед, ва хонаи Худованд Худои падарони худро тақдис
намуда, наҷосатро аз қудс берун оваред.
6 Зеро ки падарони мо хиёнат карданд, ва он чи дар назари
Худованд бад буд, ба амал оварданд, ва Ӯро тарк карданд, ва рӯи
худро аз маскани Худованд гардониданд, ва пушти худро нишон
доданд;
7 Ҳамчунин дарҳои равоқро бастанд, ва чароғҳоро куштанд, ва
бухур насӯзониданд, ва қурбониҳои сӯхтанӣ дар қудси Худои Исроил
тақдим накарданд+.
8 Ва ғазаби Худованд бар Яҳудо ва Ерусалим аланга зад, ва ӯ
онҳоро гирифтори даҳшат, харобӣ ва мадҳушӣ гардонид, чунон ки
шумо бо чашмони худ мебинед.
9 Ва инак, падарони мо ба дами шамшер фурӯ ғалтиданд, ва
писарону духтарону занони мо аз ин сабаб ба асирӣ рафтанд.
10 Алҳол дилхоҳи ман ин аст, ки бо Худованд Худои Исроил аҳд
бандем, то ки оташи ғазаби Ӯ аз мо баргардад+.
11 Эй фарзандонам, алҳол бепарвоӣ накунед, зеро ки Худованд
шуморо баргузидааст, то ки ба ҳузури Ӯ истода, хизмати Ӯро ба ҷо
оваред, ва барои Ӯ хизматгузорон ва сӯзонандагони бухур бошед»+.
12 Ва левизодагон бархостанд: Маҳат ибни Амосай ва Юил ибни
Азарьёҳу аз банӣ-қаҳотиён, ва аз банӣ-марориён — Қиш ибни Абдӣ ва

Азарьёҳу ибни Еҳалалъил; ва аз ҷершӯниён — Юоҳ ибни Зиммо ва
Идан ибни Юоҳ;+
13 Ва аз банӣ-Элисофон — Шимрӣ ва Яиил; ва аз банӣ-Ософ —
Закарьёҳу ва Маттаньёҳу;+
14 Ва аз банӣ-Ҳеймон — Яҳиил ва Шимъӣ; ва аз банӣ-Едутун —
Шамаъё ва Узиил+.
15 Ва онҳо бародарони худро ҷамъ карда, тақдис намуданд, ва бар
тибқи фармони подшоҳ, ки мувофиқи каломи Худованд буд, барои
татҳири хонаи Худованд омаданд.
16 Ва коҳинон андаруни хонаи Худованд дохил шуданд, то ки онро
татҳир намоянд, ва тамоми наҷосатро, ки дар маъбади Худованд
ёфтанд, ба саҳни хонаи Худованд баровარданд, ва левизодагон онро
гирифта, ба ҷониби водии Қидрӯн бурданд+.
17 Ва дар рӯзи якуми моҳи якум ба тақдис кардан шурӯъ намуда,
дар рӯзи ҳаштуми моҳ ба равоқи Худованд даромаданд, ва ҳашт рӯз
хонаи Худовандро тақдис карданд, ва дар рӯзи шонздаҳуми моҳи
якум ба анҷом расониданд.
18 Ва андаруни қаср назди подшоҳ Ҳизқиё омада, гуфтанд:
«Тамоми хонаи Худовандро: қурбонгоҳи қурбониҳои сӯхтаниро бо
тамоми колои он, ва мизи нони тақдимро бо тамоми колои он
татҳир намудем;
19 Ва тамоми колоеро, ки подшоҳ Оҳоз дар вақти подшоҳии худ,
дар натиҷаи хиёнати худ, поймол карда буд, тайёр карда, тақдис
намудем, ва инак онҳо назди қурбонгоҳи Худованд аст»+.

## Дар маъбад аз нав ибодати Худо ба амал меояд.

20 Ва подшоҳ Ҳизқиё бомдодон бармаҳал бархост, ва сарварони
шаҳрро ҷамъ карда, ба хонаи Худованд баромад.
21 Ва онҳо ҳафт гов, ва ҳафт қӯчқор, ва ҳафт барра, ва ҳафт нарбуз
оварданд, то ки барои салтанат ва барои қудс ва барои Яҳудо
қурбонии гуноҳҳо бишавад; ва ӯ ба банӣ-Ҳорун амр фармуд, ки
онҳоро ҳамчун қурбонии сӯхтанӣ бар қурбонгоҳи Худованд тақдим
кунанд.
22 Ва говонро куштанд, ва коҳинон хунро гирифта, бар қурбонгоҳ
пошиданд; ва қӯчқоронро кушта, хунро бар қурбонгоҳ пошиданд; ва
барраҳонро кушта, хунро бар қурбонгоҳ пошиданд+.

23 Ва нарбузҳои каффораи гуноҳро ба ҳузури подшоҳ ва ҷамоат
оварданд, ва дастҳои худро бар онҳо гузоштанд,+
24 Ва коҳинон онҳоро куштанд, ва хуни онҳоро барои каффораи
гуноҳҳо бар қурбонгоҳ пошиданд, то ки бар тамоми Исроил каффора
шавад; зеро подшоҳ фармуда буд, ки қурбонии сӯхтанӣ ва қурбонии
гуноҳҳо барои тамоми Исроил тақдим карда шавад.
25 Ва ӯ левизодагонро бо санҷҳо, барбатҳо ва удҳо мувофиқи амри
Довуд ва Ҷоди ғайбгӯи подшоҳ ва Нотони набӣ дар хонаи Худованд
гузошт, зеро ки ин амр аз ҷониби Худованд ба воситаи анбиёи Ӯ
фармуда шуда буд+.
26 Ва левизодагон бо асбоби Довуд, ва коҳинон бо карнайҳо
истоданд+.
27 Ва Ҳизқиё амр фармуд, ки қурбонии сӯхтаниро бар қурбонгоҳ
тақдим намоянд, ва ҳангоме ки ба тақдим кардани қурбонии
сӯхтанӣ шурӯъ намуданд, сурудхонӣ барои Худованд ва навохтани
карнайҳо ва асбоби Довуд, подшоҳи Исроил, оғоз ёфт.
28 Ва тамоми ҷамоат саҷда мекарданд, ва муғанниён месуруданд,
ва карнайҳоро менавохтанд; ҳамаи ин то вақти анҷом ёфтани
қурбонии сӯхтанӣ давом кард.
29 Ва ҳамин ки қурбонии сӯхтанӣ анҷом ёфт, подшоҳ ва ҳамаи
онҳое ки бо ӯ буданд, зону зада, саҷда карданд.
30 Ва подшоҳ Ҳизқиё ва сарварон ба левизодагон амр фармуданд,
ки Худовандро бо суханони Довуд ва Ософи ғайбгӯй мадҳ кунанд; ва
онҳо ба ваҷд омада, мадҳ карданд, ва зону зада, саҷда бурданд.
31 Ва Ҳизқиё ҷавоб гардонида, гуфт: «Алҳол вазифаи худро ба ҷо
овардед, пас наздик омада, забҳҳо ва қурбониҳои шукронаро барои
хонаи Худованд биёред». Ва ҷамоат забҳҳо ва қурбониҳои шукрона
оварданд, ва ҳар каси валинеъмат қурбонии сӯхтанӣ овард.
32 Ва шумораи қурбонии сӯхтание ки ҷамоат оварданд, ҳафтод гов,
сад қӯчқор ва дусад барра буд; ҳамаи инҳо қурбонии сӯхтанӣ барои
Худованд буд.
33 Ва дигар қурбониҳои муқаддас — шашсад гов ва се ҳазор
гӯсфанд буд.
34 Аммо коҳинон кам буданд, ва ба пӯст кандани ҳамаи
қурбониҳои сӯхтанӣ қувваташон намерасид; ва бародаронашон
левизодагон ба онҳо мадад расониданд, то даме ки кор анҷом ёфт ва

то даме ки коҳинон худро тақдис карданд; зеро ки левизодагон дар тақдис кардани худ, назар ба коҳинон, бештар ростдил буданд.
35 Ва низ қурбониҳои сӯхтанӣ бо чарбуи қурбониҳои саломатӣ ва бо ҳадияҳои рехтанӣ барои қурбониҳои сӯхтанӣ бисьёр буд; ва хизмати хонаи Худованд дуруст ба ҷо оварда шуд.
36 Ва Ҳизқиё ва тамоми қавм шодӣ карданд, ки Худо қавмро омода гардонида буд, зеро ки ин ба таври ғайричашмдошт ба амал омад.

## Тайёрӣ ба иди фисҳ.

30 [1] Ва Ҳизқиё ба тамоми Исроил ва Яҳудо фиристод, ва низ
номаҳо ба Эфроим ва Менашше навишт, то ки ба хонаи
Худованд ба Ерусалим биёянд, ва фисҳро барои Худованд Худои
Исроил ба ҷо оваранд.
[2] Ва подшоҳ, ва сарваронаш, ва тамоми ҷамоат дар Ерусалим
машварат намуда, қарор доданд, ки фисҳро дар моҳи дуюм ба ҷо
оваранд;+
[3] Зеро ки натавонистанд онро дар вақташ ба ҷо оваранд, чунки
коҳинон ба миқдори зарурӣ тақдис наёфта ва қавм дар Ерусалим
ҷамъ нашуда буданд+.
[4] Ва ин дар назари подшоҳ ва дар назари тамоми ҷамоат писанд
омад,
[5] Ва қарор доданд, ки дар тамоми Исроил, аз Беэр-Шобаъ то Дон,
ҷор зананд, ки омада, фисҳро барои Худованд Худои Исроил дар
Ерусалим ба ҷо оваранд; зеро муддати зиёдест, ки онро ба тавре ки
навишта шудааст, ба ҷо наовардаанд+.
[6] Ва шотирон бо номаҳои подшоҳ ва сарваронаш ба тамоми
Исроил ва Яҳудо рафта, бар тибқи амри подшоҳ гуфтанд: «Эй банӣ-
Исроил! Сӯи Худованд Худои Иброҳим, Исҳоқ ва Исроил руҷӯъ
намоед, ва Ӯ сӯи растагороне ки аз дасти подшоҳони Ашшур дар
миёни шумо боқӣ мондаанд, руҷӯъ хоҳад кард;+
[7] Ва мисли падарон ва бародарони худ набошед, ки онҳо ба
Худованд Худои падарони худ хиёнат карданд, ва Ӯ онҳоро
гирифтори харобӣ гардонид, чунон ки шумо мебинед;+
[8] Алҳол мисли падарони худ гарданкашӣ накунед, дасти байат ба
Худованд диҳед, ба қудси Ӯ, ки онро то абад тақдис намудааст,
омада, Худованд Худои худро ибодат кунед, ва Ӯ оташи ғазаби Худро
аз шумо хоҳад баргардонид+.
[9] Зеро вақте ки шумо сӯи Худованд руҷӯъ намоед, бародарон ва
писарони шумо аз ҷониби асиркунандагони худ марҳамат хоҳанд
дид, ва ба ин замин хоҳанд баргашт, зеро ки Худованд Худои шумо
карим ва раҳим аст, ва агар сӯи Ӯ ручӯъ намоед, Ӯ аз шумо рӯй
нахоҳад гардонид»+.

[10] Ва шотирон дар замини Эфроим ва Менашше то ҳудуди Забулун
шаҳр ба шаҳр мегузаштанд, валекин бар онҳо механдиданд ва онҳоро
истеҳзо мекарданд.
[11] Фақат баъзе касон аз Ошер ва Менашше ва Забулун гардан
фуроварда, ба Ерусалим омаданд.
[12] Дар Яхудо низ яди Худо буд, ки ба онҳо якдилӣ ато намуд, то ки
ҳукми подшоҳ ва сарваронро бар тибқи каломи Худованд ба ҷо
оваранд.
[13] Ва қавми зиёде дар Ерусалим ҷамъ шуданд, то ки иди фисҳро
дар моҳи дуюм ба ҷо оваранд, — ҷамоати бағоят сершумор буданд.
[14] Ва бархоста, қурбонгоҳҳоеро, ки дар Ерусалим буд, вайрон
карданд, ва ҳамаи қурбонгоҳҳои бухурро вайрон карда, андаруни
наҳри Қидрӯн партофтанд+.

## Ба таври ҷиддӣ риоя кардани иди фисҳ ва рӯзҳои дигар.

[15] Ва дар рӯзи чордаҳуми моҳи дуюм барраи фисҳро забҳ карданд;
ва коҳинон ва левизодагон хиҷолат кашида, худро тақдис намуданд,
ва қурбониҳои сӯхтанӣ ба хонаи Худованд оварданд.
[16] Ва дар ҷойҳои худ, мувофиқи дастуруламали худ, бар тибқи
Таврoти Мусо, марди Худо, истоданд; коҳинон хунро аз дасти
левизодагон гирифта, мепошиданд+.
[17] Азбаски бисьёре аз ҷамоат худро тақдис накарда буданд,
левизодагон мутассадӣ шуданд, ки барои ҳар касе ки татҳир
наёфтааст, барраи фисҳро забҳ карда, варо барои Худованд тақдис
намоянд.
[18] Зеро ки аксари қавм, бисьёре аз Эфроим ва Менашше, Иссокор
ва Забулун татҳир наёфта буданд, ва фисҳро на бар тибқи он чи
навишта шудааст, хӯрданд, зеро ки Ҳизқиё дар ҳаққи онҳо дуо хонда,
гуфт:+
[19] «Худованди пурэҳсон ҳар касро, ки дилаш моил шудааст, ки
Худоро, яъне Худованд Худои падаронашро ҷӯё шавад, хоҳад
омурзид, агарчи вай ба татҳири муқаддас мувофиқ набошад».
[20] Ва Худованд дуои Ҳизқиёро иҷобат намуда, қавмро омурзид.
[21] Ва банӣ-Исроил, ки дар Ерусалим буданд, иди фатирро ҳафт рӯз
бо шодмонии азим ба ҷо оварданд, ва левизодагон ва коҳинон, бо
асбоби ҳамду санои Худованд, ҳар рӯз Худовандро мадҳ мекарданд+.

22 Ва Ҳизқиё ба ҳамаи левизодагоне ки аз хизмати Худованд
фаҳми некӯ доштанд, суханони дилҷӯй гуфт; ва ҳафт рӯз хӯроки
идона хӯрданд, қурбониҳои саломатӣ забҳ карданд, ва Худованд
Худои падарони худро ҳамду сано гуфтанд.
23 Ва тамоми ҷамоат машварат намуда, қарор доданд, ки ҳафт рӯзи
дигар ид кунанд; ва ҳафт рӯз хурсандӣ карданд.
24 Зеро ки Ҳизқиё, подшоҳи Яҳудо, барои ҷамоат ҳазор сар гов ва
ҳафт ҳазор сар гӯсфанд бахшиш кард, ва сарварон барои ҷамоат
ҳазор сар гов ва даҳ ҳазор сар гӯсфанд бахшиданд; ва аксари коҳинон
худро тақдис намуданд.
25 Ва тамоми ҷамоати Яҳудо, ва коҳинон ва левизодагон, ва
тамоми ҷамоате ки аз Исроил омаданд, ва ғарибоне ки аз замини
Исроил омаданд, ва онҳое ки дар Яҳудо сокин буданд, хурсандӣ
карданд.
26 Ва шодмонии азиме дар Ерусалим ба амал омад, зеро ки аз
айёми Сулаймон ибни Довуд, подшоҳи Исроил, мисли он дар
Ерусалим ба амал наомада буд+.
27 Ва коҳинон ва левизодагон бархоста, қавмро баракат доданд, ва
овози онҳо мустаҷоб шуд, ва дуои онҳо ба маскани қудси Ӯ, ба осмон
расид+.

## Несту нобуд кардани бутҳо, ва ислоҳоти дигари Ҳизқиё.

31 [1] Ва баъд аз анҷом ёфтани ҳамаи ин, ҳамаи исроилиёне ки
дар шаҳрҳои Яҳудо буданд, берун омада, сутунҳоро шикастанд,
Ашераҳоро маҳв карданд, баландиҳо ва қурбонгоҳҳоро аз тамоми
Яҳудо ва Биньёмин ва Эфроим ва Менашше то ба охир барҳам
доданд; ва тамоми банӣ-Исроил, ҳар кас ба мулки худ, ба шаҳрҳои
худ баргаштанд+.
[2] Ва Ҳизқиё коҳинон ва левизодагонро бар навбатҳои онҳо гузошт,
то ки ҳар яке аз коҳинон ва левизодагон, мувофиқи хизмати худ,
барои қурбониҳои сӯхтанӣ, ва қурбониҳои саломатӣ, барои
хизматгузорӣ, барои мадҳ кардан ва ҳамду сано гуфтан назди
дарвозаҳои ӯрдугоҳи Худованд ҳозир бошанд+.
[3] Ва подшоҳ ҳиссае аз молу мулки худ барои қурбониҳои сӯхтанӣ
ҷудо кард: барои қурбониҳои сӯхтании субҳ ва шом ва барои
қурбониҳои сӯхтании шанбеҳо ва навмоҳҳо ва идҳо, чунон ки дар
Тавроти Худованд навишта шудааст+.
[4] Ва ба қавме ки дар Ерусалим сокин буданд, амр фармуд, ки
ҳиссае барои коҳинон ва левизодагон бидиҳанд, то ки ба Тавроти
Худованд бо ҷидду ҷаҳд машғул бошанд+.
[5] Ва ҳангоме ки ин амр интишор ёфт, банӣ-Исроил навбари
гандум, шираи ангур ва равғани зайтун ва асал ва ҳар маҳсули
саҳроро ба фаровонӣ доданд, ва аз ҳама чиз ушри зиёде оварданд+.
[6] Ва банӣ-Исроил ва Яҳудо, ки дар шаҳрҳои Яҳудо сокин буданд, —
онҳо низ ушри говон ва гӯсфандон ва ушри вақфҳоеро, ки барои
Худованд Худои онҳо бахшида шуда буд, оварданд, ва тӯда-тӯда
карда ба миён гузоштанд+.
[7] Дар моҳи сеюм ба гузоштани тӯдаҳо шурӯъ намуда, дар моҳи
ҳафтум анҷом доданд.
[8] Ва Ҳизқиё ва сарварон омада, тӯдаҳоро диданд, ва Худованд ва
қавми Ӯ Исроилро муборак хонданд.
[9] Ва Ҳизқиё аз коҳинон ва левизодагон дар бораи он тӯдаҳо
пурсид.
[10] Ва Азарьёи саркоҳин, ки аз хонадони Содӯқ буд, ба ӯ ҷавоб
гардонида, гуфт: «Аз он вақте ки ба овардани ионат барои хонаи
Худованд шурӯъ карданд, мо хӯрдем ва сер шудем, ва миқдори зиёде

боқӣ монд, зеро ки Худованд қавми Худро баракат додааст; ва он чи
боқӣ мондааст, ҳамин микдори азим аст»+.
11 Ва Ҳизқиё амр фармуд, ки анборҳо дар хонаи Худованд барпо
кунанд. Ва барпо карданд+.
12 Ва ионат ва ушр ва вақфҳоро бекаму кост оварда монданд; ва
Конаньёҳуи левизода бар онҳо раис буд, ва бародараш Шимъӣ —
муовини ӯ.
13 Ва Яҳиил ва Азазьёҳу ва Ноҳат ва Асоил ва Яримӯт ва Юзобод ва
Элиил ва Исмахьёҳу ва Маҳат ва Баноёҳу, мувофиқи фармони
подшоҳ Ҳизқиё ва Азарьёҳу, раиси хонаи Худо, зери дасти Конаньёҳу
ва бародараш Шимъӣ амалдор буданд.
14 Ва Қӯре ибни Йимнои левизода, ки дарбони дарвозаи шарқӣ
буд, бар хайроти Худо муваккал шуд, то ки ионатҳои Худованд ва
вақфҳои муқаддасро тақсим кунанд.
15 Ва зери дасти ӯ Идан ва Миньёмин ва Ешуо ва Шамаъёҳу ва
Амарьёҳу ва Шаканьёҳу дар шаҳрҳои коҳинон буданд, то ки ба
бародарони худ, хоҳ калон бошанд хоҳ хурд, бар ҳасби гурӯҳҳошон
бекаму кост тақсим кунанд,+
16 Илова бар онҳое ки аз синни сесола ва болотар дар рӯйхати
мардҳо дохил буданд, яъне ҳамаи онҳое ки ба хонаи Худованд барои
кори ҳаррӯза, барои хизмати худ, ба навбатдории худ, бар ҳасби
гурӯҳҳои худ меомаданд,
17 Ки ба он рӯйхат коҳинон бар ҳасби хонаводаҳошон, ва
левизодагон аз синни бистсола ва болотар, бар ҳасби
навбатдориҳошон, бар ҳасби гурӯҳҳошон дохил буданд,+
18 Ва ба он рӯйхат ҳамаи кӯдаконашон, занон ва писарон ва
духтаронашон, яъне тамоми ҷамоати онҳо дохил буданд, зеро ки
онҳо худро аз сидқи дил барои хизмати муқаддас такдис карда
буданд.
19 Ва барои банӣ-Ҳорун, яъне коҳиноне ки дар қитъаҳои ҳаволии
шаҳрҳошон сокин буданд, дар ҳар шаҳр шахсон ном ба ном таъин
шуданд, то ки ба ҳамаи мардони коҳинон ва ба ҳамаи левизодагоне
ки дар рӯйхат дохиланд, ҳиссаҳо бидиҳанд.
20 Ва Ҳизқиё дар тамоми Яҳудо ҳамин тавр амал кард; ва он чи дар
назари Худованд Худои ӯ некӯ ва мақбул ва амин буд, ба амал
овард+.

[21] Ва ҳар амалеро, ки барои хизмати хонаи Худо, барои риояи
Таврот ва аҳком, барои ҷустани Худои худ иқдом намуд, ӯ бо тамоми
дили худ иҷро кард ва муваффақият ёфт.

## Тохтутози Санҳериб. Валангор шудани Яҳудо.

**32** [1] •Баъд аз ин корҳои сидқу вафо, Санҳериб, подшоҳи Ашшур
омада, ба Яҳудо дохил шуд, ва назди шаҳрҳои ҳисордор ӯрду
зада, онҳоро барои худ мехост забт намояд.
[2] Ва Ҳизқиё дид, ки Санҳериб омадааст, ва қасд дорад ба муқобили
Ерусалим ҷанг кунад.
[3] Ва ӯ бо сарварон ва паҳлавонони худ машварат намуда, қарор
дод, ки оби чашмаҳои беруни шаҳрро банд кунад, ва онҳо ба ӯ мадад
расониданд.
[4] Ва қавми зиёде ҷамъ шуданд, ва ҳамаи чашмаҳо ва наҳреро, ки
аз миёни кишвар ҷорӣ мешуд, банд карда, гуфтанд: «Ҷаро подшоҳони
Ашшур омада, оби фаровон ёбанд?»
[5] Ва ӯ қувват гирифт, ва тамоми ҳисори вайронаро таъмир
намуда, онро то бурҷҳо баланд кард, ва ҳисори дигаре аз беруни он
сохт, ва Миллӯро дар шаҳри Довуд мустаҳкам намуд, ва аслиҳа ва
сипарҳои зиёде сохт+.
[6] Ва сипаҳдоронро бар қавм таъин намуд, ва онҳоро назди худ дар
майдони дарвозаи шаҳр ҷамъ кард, ва чунин суханони дилҷӯй ба
онҳо гуфт:
[7] «Қавӣ ва далер бошед, аз подшоҳи Ашшур ва аз тамоми анбӯҳе
ки бо ӯст, натарсед ва ҳаросон нашавед, зеро қуввате ки бо мост, аз
қуввате ки бо ӯст, бештар аст+.
[8] Бо ӯ бозуи башар аст, вале бо мо Худованд Худои мост, ки Ӯ ба
мо ёварӣ хоҳад намуд ва дар ҷангҳои мо хоҳад ҷангид». Ва қавм ба
суханони Ҳизқиё, подшоҳи Яҳудо, эътимод карданд+.

## Санҳериб сокинони Ерусалимро метарсонад ва куфр мегӯяд.

[9] Баъд аз ин, Санҳериб, подшоҳи Ашшур, навкарони худро ба
Ерусалим фиристод, — дар сурате ки худаш дар Локиш буд, ва ҳамаи
ҳукуматдоронаш бо ӯ буданд, — то ки ба Ҳизқиё, подшоҳи Яҳудо, ва
ба тамоми аҳли Яҳудо, ки дар Ерусалим буданд, бигӯянд:
[10] «Санҳериб, подшоҳи Ашшур, чунин мегӯяд: „Бар чӣ шумо
таваккал мекунед, ки дар Ерусалим дар ҳолати муҳосира нишастаед?
[11] Ҳизқиё, охир, шуморо иғво медиҳад, бо гуруснагӣ ва ташнагӣ
мехоҳад шуморо ба ҳалокат расонад, ва мегӯяд: Худованд Худои мо

моро аз дасти подшоҳи Ашшур раҳо хоҳад кард.
12 Ҳамин Ҳизқиё, охир, баландиҳо ва қурбонгоҳҳои Ӯро барҳам
додааст, ва ба аҳли Яҳудо ва Ерусалим сухан ронда, гуфтааст: пеши
як қурбонгоҳ сачда баред ва бар он бухур бисӯзонед+.
13 Шумо, охир, медонед, ки ман ва падаронам ба ҳамаи қавмҳои
кишварҳо чӣ кардаем. Оё худоёни халқҳои кишварҳо тавонистанд
замини худро аз дасти ман раҳо кунанд+?
14 Аз ҳамаи худоёни ин халқҳое ки падаронам маҳв намудаанд,
кист, ки тавониста бошад қавми худро аз дасти ман раҳо кунад, то ки
Худои шумо тавонад шуморо аз дасти ман раҳо кунад?
15 Ва алҳол, бигзор шуморо Ҳизқиё ба васваса наандозад, ва
шуморо ин гуна иғво надиҳад, ва шумо ба суханони ӯ бовар накунед,
зеро модоме ки ҳеҷ як худои ҳеҷ як халқ ва мамлакат натавонистааст
қавми худро аз дасти ман ва аз дасти падаронам раҳо кунад, пас
Худои шумо низ шуморо аз дасти ман раҳо нахоҳад кард“»+.
16 Ва боз навкарони вай бар зидди Худованд Худо, ва бар зидди
бандаи ӯ Ҳизқиё сухан ронданд.
17 Ва номаҳо навишта, Худованд Худои Исроилро таҳқир намуд ва
дар ҳаққи Ӯ сухан ронда, гуфт: «Чунон ки худоёни халқҳои кишварҳо
қавми худро аз дасти ман раҳо накардаанд, ончунон Худои Ҳизқиё
қавми Худро аз дасти ман раҳо нахоҳад кард».
18 Ва бо овози баланд ба забони яҳудӣ сӯи қавми Ерусалим, ки бар
ҳисор буданд, фарьёд заданд, то ки онҳоро тарсонида ва ба ҳарос
андохта, шаҳрро забт намоянд.
19 Ва дар ҳаққи Худои Ерусалим, мисли худоёни қавмҳои замин,
ки маснӯи дасти одамизод мебошанд, сухан ронданд.

## Баъд аз дуои Ҳизқиё Худованд лашкари Ашшурро зарба мезанад.

20 Ва подшоҳ Ҳизқиё ва набӣ Ишаъё ибни Омӯс дар ин бобат дуо
гуфтанд, ва сӯи осмон фарьёд заданд.
21 Ва Худованд фариштае фиристод, ки вай ҳамаи мардони ҷангӣ
ва раисон ва сарваронро дар ӯрдугоҳи подшоҳи Ашшур нобуд кард.
Ва ӯ шарманда шуда, ба кишвари худ баргашт, ва ба хонаи худои худ
даромад, ва онҳое ки аз камараш рӯида буданд, ӯро дар он ҷо бо
шамшер куштанд+.

22 Ва Худованд Ҳизқиё ва сокинони Ерусалимро аз дасти Санҳериб,
подшоҳи Ашшур, ва аз дасти ҳама наҷот дод; ва онҳоро аз ҳар тараф
нигаҳбонӣ намуд.
23 Ва бисьёр касон ба Ерусалим ҳадияҳо барои Худованд, ва
инъомҳои гаронбаҳо барои Ҳизқиё, подшоҳи Яҳудо, меоварданд, ва ӯ
баъд аз он дар назари ҳамаи халқҳо обрӯманд шуд.

## Бемории Ҳизҳиё ва шифо ёфтани ӯ.

24 Дар он айём Ҳизқиё бемор шуда, наздик ба мурдан буд, ва сӯи
Худованд дуо гуфт, ва Ӯ варо иҷобат намуда, аломате барояш дод+.
25 Валекин Ҳизқиё мувофиқи марҳамате ки ба ӯ ато шуда буд,
рафтор накард, зеро ки дили ӯ мағрур гардид, ва ғазабе бар ӯ ва бар
Яҳудо ва Ерусалим аланга зад+.
26 Ва азбаски Ҳизқиё бо сокинони Ерусалим аз ғурури дилаш тавба
кард, бинобар ин ғазаби Худованд дар айёми Ҳизқиё бар онҳо фурӯ
нарехт+.
27 Ва Ҳизқиё сарват ва ҷалоли бағоят зиёде дошт, ва аз баҳри худ
ганҷинаҳо барои нуқра ва тилло ва сангҳои гаронбаҳо ва атриёт ва
сипарҳо ва ҳар гуна колои нафиса сохт,
28 Ва анборҳо барои маҳсулоти гандум ва шираи ангур ва равғани
зайтун, ва охурҳо барои ҳар навъ чорпоён, ва қӯраҳо барои рамаҳо.
29 Ва аз баҳри худ шаҳрҳо сохт, ва паноҳгоҳҳо барои рамаҳои
сершумори гӯсфандон ва говон, зеро ки Худо ба ӯ молу мулки бағоят
зиёде ато намуд.
30 Ва ҳамин Ҳизқиё манбаи обҳои Ҷайҳуни болоро баста, онҳоро
рост ба поён, ба тарафи ғарбии шаҳри Довуд равона кард. Ва Ҳизқиё
дар ҳар амали худ муваффақият меёфт+.
31 Ва ҳамчунин дар масъалаи элчиёни сарварони Бобил, ки назди
ӯ фиристода шуда буданд, то аз аломате ки дар замин зоҳир шуда
буд, пурсон кунанд, Худо ӯро тарк кард, то ки ӯро имтиҳон намуда,
ҳар чиро, ки дар дилаш буд, бидонад.
32 Ва бақияи аъмоли Ҳизқиё, ва эҳсонҳояш дар рӯъёи набӣ Ишаъё
ибни Омӯс ва дар китоби подшоҳони Яҳудо ва Исроил навишта
шудааст.
33 Ва Ҳизқиё бо падарони худ хобид, ва ӯро дар пешгоҳи мақбараи
банӣ-Довуд дафн карданд, ва тамоми аҳли Яҳудо ва сокинони

Ерусалим ӯро дар вақти фавташ иззату икром намуданд; ва писараш Менашше ба ҷои ӯ подшоҳ шуд.

## Подшоҳии Менашше; маъсияти ӯ.

# 33

1 •Дар вақти подшоҳ шуданаш Менашше дувоздаҳсола буд, ва
панҷоҳу панҷ сол дар Ерусалим подшоҳӣ кард.
2 Ва он чи дар назари Худованд бад буд, ба амал овард, ба тақлиди
корҳои зишти халқҳое ки Худованд онҳоро аз пеши банӣ-Исроил
бадар ронда буд.
3 Ва баландиҳоеро, ки падараш Ҳизқиё вайрон карда буд, аз нав
бино намуд, ва қурбонгоҳҳо барои Баалҳо барпо кард, ва Ашераҳо
сохт, ва ба тамоми лашкари осмон сачда мебурд, ва онҳоро ибодат
мекард+.
4 Ва қурбонгоҳҳо дар хонаи Худованд бино намуд, ки Худованд
дар бораи он гуфта буд: «Дар Ерусалим исми Ман то абад хоҳад
буд»+.
5 Ва қурбонгоҳҳо барои тамоми лашкари осмон дар ду саҳни
хонаи Худованд бино намуд+.
6 Ва ӯ писаронашро дар дараи Бен-Ҳиннӯм аз оташ гузаронид; ва
афсун намуда фол мекушод ва ҷоду мекард, ва бо ҷодугарон ва
азоимхонон робита дошт; бисьёр чизҳоро, ки дар назари Худованд
бад буд, ба амал меовард, то ки Ӯро ба хашм оварад+.
7 Ва ҳайкали бутеро, ки сохта буд, дар хонаи Худо гузошт, ки Худо
дар бораи он ба Довуд ва ба писараш Сулаймон гуфта буд: «Дар ин
хона ва дар Ерусалим, ки онро аз ҳамаи сибтҳои Исроил
баргузидаам, исми Худро то абад хоҳам гузошт,
8 Ва пои Исроилро аз замине ки барои падарони шумо таъин
намудаам, дигар дур нахоҳам кард, ба шарте ки ҳар он чиро, ки Ман
ба онҳо дар тамоми шариат ва фароиз ва аҳком ба воситаи Мусо амр
фармудаам, ҳамеша нигоҳ дошта, ба ҷо оваранд»+.
9 Вале Менашше аҳли Яҳудо ва сокинони Ерусалимро то ба
дараҷае гумроҳ сохт, ки аз халқҳое ки Худованд онҳоро аз пеши
банӣ-Исроил нест карда буд, бадтар рафтор карданд.
10 Ва Худованд ба Менашше ва қавми вай сухан ронд, валекин онҳо
гӯш надоданд.

## Ба асирӣ афтодани Менашше ва озод шудани ӯ.

[11] Ва Худованд сарлашкарони подшоҳи Ашшурро бар онҳо овард,
ва Менашшеро гирифта, маҳор ба бинияш заданд, ва ӯро бо
занҷирҳои мис бастанд, ва ӯро ба Бобил бурданд+.
[12] Ва ӯ дар тангии худ рӯи Худованд Худои худро ҷӯё шуд, ва ба
ҳузури Худои падарони худ бағоят гардан фуровард;
[13] Ва сӯи Ӯ дуо гуфт, ва Ӯ истиғосаи варо шунида, иҷобат намуд, ва
ба салтанати вай ба Ерусалим баргардонид, ва Менашше донист, ки
Худованд Худост+.
[14] Ва баъд аз ин, ҳисори беруни шаҳри Довудро ба тарафи ғарбии
Ҷайҳун, дар водӣ то даромадгоҳи Дарвозаи моҳиён бино кард, ва
онро ба тарафи бурҷи Ӯфал гардонид, ва бағоят баланд сохт; ва
сарварони ҳарбиро дар ҳамаи шаҳрҳои ҳисордор гузошт+.
[15] Ва худоёни бегона ва бутро аз хонаи Худованд дур кард, ва
ҳамаи қурбонгоҳҳоеро, ки дар кӯҳи хонаи Худованд ва Ерусалим
бино карда буд, бардошта, аз шаҳр берун партофт.
[16] Ва қурбонгоҳи Худовандро аз нав бино кард, ва қурбониҳои
саломатӣ ва шукрона бар он забҳ намуд; ва ба аҳли Яҳудо амр
фармуд, ки Худованд Худои Исроилро ибодат намоянд.
[17] Аммо қавм ҳанӯз дар баландиҳо қурбонӣ мекарданд, лекин ин
барои Худованд Худои онҳо буд.
[18] Ва бақияи аъмоли Менашше, ва дуое ки сӯи Худои худ гуфтааст,
ва суханони ғайбгӯён, ки ба исми Худованд Худои Исроил ба ӯ
гуфтаанд, — ҳамааш дар вақоеъномаи подшоҳони Исроил навишта
шудааст.
[19] Ва дуои ӯ, ва мустаҷоб шуданаш; ва тамоми гуноҳ ва хиёнаташ;
ва ҷойҳое ки ӯ дар онҳо баландиҳо бино карда, Ашераҳо ва
санамҳоро гузошта буд, пеш аз он ки гардан фуроварад, — ҳамааш
дар навиштаҷоти Ҳӯзой тасвир ёфтааст.

## Фавти Менашше ва подшоҳ шудани Омӯн.

[20] Ва Менашше бо падарони худ хобид, ва ӯро дар хонаи ӯ дафн
карданд; ва писараш Омӯн ба ҷои ӯ подшоҳ шуд.

[21] •Дар вақти подшоҳ шуданаш Омӯн бисту дусола буд, ва ду сол
дар Ерусалим подшоҳӣ кард.

[22] Ва он чи дар назари Худованд бад буд, ба амал овард, мисли он ки падараш Менашше ба амал оварда буд; ва барои ҳамаи бутҳое ки падараш Менашше сохта буд, Омӯн қурбонӣ мекард ва онҳоро ибодат менамуд+.

[23] Вале ӯ пеши Худованд гардан нафуровард, чунон ки падараш Менашше гардан фуроварда буд, балки ӯ, Омӯн, торафт бештар ба маъсият дода шуд+.

## Фавти Омӯн. Подшоҳ шудани Йӯшиёҳу.

[24] Ва навкаронаш ба муқобили ӯ суиқасд карданд, ва ӯро дар хонаи ӯ куштанд.

[25] Валекин қавми мамлакат ҳамаи онҳоеро, ки ба муқобили подшоҳ Омӯн суиқасд карда буданд, ба қатл расониданд; ва қавми мамлакат писараш Йӯшиёҳуро ба ҷои ӯ подшоҳ карданд.

## Подшоҳии Йӯшиёҳу; порсоии ӯ,
## ва ислоҳоте ки ба амал овард.

# 34

1 •Дар вақти подшоҳ шуданаш Йӯшиёҳу ҳаштсола буд, ва сию
як сол дар Ерусалим подшоҳӣ кард.
2 Ва он чи дар назари Худованд мақбул буд, ба амал овард, ва бо
роҳҳои падараш Довуд равона шуда, ба тарафи рост ё чап майл
накард+.
3 Ва дар соли ҳаштуми подшоҳии худ, вақте ки ҳанӯз навҷавон
буд, ба ҷустани Худои падараш Довуд оғоз кард, ва дар соли
дувоздаҳум ба тоза кардани Яҳудо ва Ерусалим аз баландиҳо ва
Ашераҳо ва бутҳо ва санамҳо шурӯъ намуд+.
4 Ва қурбонгоҳҳои Баалҳоро пеши ӯ валангор карданд; ва
ҳайкалҳои офтобпарастиро, ки бар болои онҳо буд, шикаста афтонид;
ва Ашераҳо, ва бутҳо ва санамҳоро дарҳам шикаст ва гард-гард карда,
бар рӯи қабрҳои онҳое ки барояшон қурбонӣ мекарданд, пошид+.
5 Ва устухонҳои коҳинонро бар қурбонгоҳҳошон сӯзонид, ва Яҳудо
ва Ерусалимро тоза кард+.
6 Ва дар шаҳрҳои Менашше ва Эфроим ва Шимъӯн ва ҳатто
Нафтолӣ, дар харобазори онҳо, гирдогирд,
7 Қурбонгоҳҳоро валангор намуд, ва Ашераҳо ва санамҳоро
дарҳам шикаста, гард-гард кард, ва ҳамаи ҳайкалҳои
офтобпарастиро дар тамоми замини Исроил шикаста афтонид; ва ба
Ерусалим баргашт.

## Аз нав барқарор шудани ибодати Худо дар маъбад.

8 Ва дар соли ҳаждаҳуми подшоҳии худ, баъд аз он ки замин ва
хонаро тоза кард, Шофон ибни Асальёҳу, ва Маасиёҳуи раиси шаҳр,
ва Юоҳ ибни Юоҳози вақоеънависро фиристод, то ки хонаи Худованд
Худои худро мустаҳкам намоянд.
9 Ва онҳо назди Ҳилқиёи саркоҳин омаданд, ва нуқраеро, ки ба
Худо оварда шуда буд, ва левизодагони остонабон онро аз дасти
Менашше ва Эфроим, ва аз тамоми бақияи Исроил, ва аз тамоми
Яҳудо ва Биньёмин ҷамъ карда буданд, супурданд, ва ба Ерусалим
баргаштанд.

10 Ва онро ба дасти саркороне ки дар хонаи Худованд таъин шуда
буданд, супурданд; ва онҳо онро ба коргароне ки дар хонаи Худованд
барои таъмир ва мустаҳкам намудани хона кор мекарданд, доданд.
11 Ва онро ба наҷҷорон ва бинокорон доданд, то ки сангҳои
тарошида ва забарравҳо барои пайвастани деворҳо ва пӯшидани
боми хонаҳое ки подшоҳони Яҳудо хароб карда буданд, биханранд.
12 Ва он одамон аз рӯи виҷдон кор мекарданд, ва бар онҳо
левизодагон Яҳат ва Убадьёҳу аз банӣ-Марорӣ, ва Закарьё ва
Машуллом аз банӣ-қаҳотиён барои назорат кардан таъин шуда
буданд; ва аз левизодагон ҳар касе ки навохтани асбоби мусиқӣ аз
дасташон меомад+.
13 Ва бар ҳаммолон низ гумошта шуда буданд, ва онҳо ба ҳамаи
коргароне ки бо ҳар навъ корҳо шуғл доштанд, назорат мекарданд; ва
аз левизодагон котибон ва нозирон ва дарбонон буданд.

## Китоби Тавроти Мусо ёфт шуд.

14 •Ва ҳангоме ки нуқраи ба хонаи Худованд дохилшударо берун
меоварданд, Ҳилқиёи коҳин китоби Тавроти Худовандро, ки ба
воситаи Мусо дода шуда буд, ёфт+.
15 Ва Ҳилқиё ба Шофони котиб хитоб намуда, гуфт: «Китоби
Тавротро дар хонаи Худованд ёфтаам». Ва Ҳилқиё он китобро ба
Шофон дод.
16 Ва Шофон китобро назди подшоҳ овард, ва дар айни ҳол ба
подшоҳ хабар дода, гуфт: «Ҳар коре ки ба бандагонат супурда
шудааст, онҳо ба ҷо меоваранд;
17 Ва нуқраеро, ки дар хонаи Худованд буд, берун оварданд, ва
онро ба дасти гумоштагон ва ба дасти саркорон супурданд».
18 Ва Шофони котиб ба подшоҳ хабар расонида, гуфт: «Ҳилқиёи
коҳин китобе ба ман додааст». Ва Шофон онро ба ҳузури подшоҳ
хонд.
19 Ва ҳангоме ки подшоҳ суханони Тавротро шунид, либоси худро
чок зад.
20 Ва подшоҳ ба Ҳилқиё ва Аҳиқом ибни Шофон ва Абдун ибни
Мико ва Шофони котиб ва Асоён навкари подшоҳ амр фармуда,
гуфт:+

21 «Биравед ва аз Худованд барои ман ва барои бақияи Исроил ва
Яҳудо дар бораи суханони ин китоби ёфтшуда илтиҷо намоед, зеро
ғазаби Худованд, ки бар мо аланга гирифтааст, бузург аст, аз барои
он ки падарони мо каломи Худовандро риоя накардаанд, то ки
мувофиқи ҳар он чи дар ин китоб навишта шудааст, амал намоянд»+.

## Сухани Ҳулдои набия.

22 Ва Ҳилқиё ва онҳое ки подшоҳ амр фармуд, назди Ҳулдои
набия, зани Шаллум ибни Тоқҳат ибни Ҳасрои посбони либосҳо, ки
дар Ерусалим, дар маҳаллаи дуюми он сукунат дошт, рафтанд, ва бо
вай дар ин бобат сухан ронданд+.
23 Ва ӯ ба онҳо гуфт: «Худованд Худои Исроил чунин мегӯяд: „Ба
касе ки шуморо назди ман фиристодааст, бигӯед:
24 Худованд чунин мегӯяд: инак, Ман мусибате бар ин макон ва
бар сокинонаш хоҳам овард, — ҳамаи лаънатҳоеро, ки дар ин китоб,
ки онро пеши подшоҳи Яҳудо хондаанд, навишта шудааст;
25 Азбаски онҳо Маро тарк карда, ба худоёни дигар бухур
сӯзондаанд, то ки Маро бо тамоми амали дастҳои худ ба хашм
оваранд, ғазаби Ман бар ин макон аланга гирифтааст, ва хомӯш
нахоҳад шуд“+.
26 Ва ба подшоҳи Яҳудо, ки шуморо фиристодааст, то ки аз
Худованд илтиҷо намоед, чунин гӯед: „Худованд Худои Исроил дар
бораи суханоне ки шунидаӣ, чунин мегӯяд:
27 Азбаски дили ту нарм шудааст, ва дар вақти шунидани
суханони Худо дар бораи ин макон ва сокинонаш ба ҳузури Ӯ гардан
фуровардаӣ, — ва ба ҳузури Ман гардан фуроварда, либоси худро чок
задаӣ, ва ба ҳузури Ман гирья кардаӣ, бинобар ин Ман низ туро
иҷобат намудам, мегӯяд Худованд;+
28 Инак, Ман туро ба падаронат ҳамроҳ хоҳам кард, ва ту дар
мақбараи худ ба саломатӣ гузошта хоҳӣ шуд, ва тамоми он
мусибатро, ки Ман бар ин макон ва бар сокинонаш меоварам,
чашмони ту нахоҳад дид“». Ва ҷавобро ба подшоҳ расониданд+.

## Ба қавм эълон карда шудани китоби аҳд,
## ва дигар ислоҳоти Йӯшиёҳу.

29 •Ва подшоҳ фиристода, ҳамаи пирони Яҳудо ва Ерусалимро
ҷамъ кард.
30 Ва подшоҳ ба хонаи Худованд омад, ва тамоми мардуми Яҳудо
ва сокинони Ерусалим бо ӯ буданд, — коҳинон ва левизодагон ва
тамоми қавм аз калон то хурд; ва ӯ ҳамаи суханони китоби аҳдро, ки
дар хонаи Худованд ёфт шуд, дар гӯши онҳо хонд+.
31 Ва подшоҳ бар минбари худ истод, ва ба ҳузури Худованд аҳд
баст, ки Худовандро пайравӣ намоянд, ва аҳком ва шаҳодот ва
фароизи Ӯро бо тамоми дилу ҷон риоя кунанд, ва суханони ин аҳдро,
ки дар ин китоб навишта шудааст, ба ҷо оваранд+.
32 Ва ӯ ҳамаи онҳоеро, ки дар Ерусалим ва Биньёмин буданд, бар
ин ӯҳдадор гардонид; ва сокинони Ерусалим мувофиқи аҳди Худо,
Худои падаронашон рафтор карданд.
33 Ва Йӯшиёҳу ҳамаи чизҳои зиштро аз ҳамаи заминҳое ки ба
банӣ-Исроил тааллуқ дошт, дур кард, ва ҳамаи онҳоеро, ки дар
Исроил буданд, водор намуд, ки Худованд Худои худро ибодат
кунанд; дар тамоми айёми ӯ онҳо аз пайравии Худованд Худои
падаронашон дур нашудаанд+.

## Йӯшиёҳу иди фисҳро дар Ерусалим ба ҷо меоварад.

35 [1] •Ва Йӯшиёҳу иди фисҳро дар Ерусалим барои Худованд ба
ҷо овард; ва барраи фисҳро дар рӯзи чордаҳуми моҳм якум забҳ
карданд+.
[2] Ва ӯ коҳинонро бар навбатдориҳошон гузошт, барои хизмати
хонаи Худованд онҳоро таҳрик дод.
[3] Ва ба левизодагоне ки тамоми Исроилро таълим медоданд ва
барои Худованд такдис ёфта буданд, гуфт: «Сандуқи муқаддасро дар
хонае ки Сулаймон ибни Довуд, подшоҳи Исроил, бино кардааст,
бимонед; ҳоҷат надорад, ки минбаъд онро бар китфи худ бардоред;
алҳол хизмати Худованд Худои худ ва қавми Ӯ Исроилро ба ҷо
оваред;+
[4] Ва бар ҳасби хонаводаҳои худ ва гурӯҳҳои худ, чунон ки дар
навиштаи Довуд, подшоҳи Исроил, ва дар навиштаи писараш
Сулаймон муқаррар карда шудааст, омода шавед;+
[5] Ва мувофиқи тақсимоти хонаводаҳои бародаронатон,
фарзандони қавм, ва мувофиқи тақсимоти хонаводаҳои левизодагон
дар кудс биистед.
[6] Ва барраи фисҳро забҳ кунед, ва худро такдис намуда, онро
барои бародаронатон тайёр кунед, то бар тибқи каломи Худованд, ки
ба воситаи Мусо гуфтааст, амал намоянд».
[7] Ва Йӯшиёҳу барои фарзандони қавм, яъне барои ҳамаи онҳое ки
дар он ҷо буданд, аз рамаи баррагон ва бузғолагон ба микдори сӣ
ҳазор сар, ки ҳамааш барои қурбониҳои фисҳ буд, ва аз говон се
ҳазор сар бахшиш кард; инҳо аз молу мулки подшоҳ буд+.
[8] Ва сарварони ӯ саховат намуда, барои қавм, барои коҳинон ва
левизодагон бахшиш карданд: Ҳилқиё ва Закарьёҳу ва Яҳиил, ки
раисони хонаи Худо буданд, ба коҳинон барои қурбониҳои фисҳ ду
ҳазору шашсад сар барраю бузғола ва сесад сар гов доданд.
[9] Ва Кананьёҳу ва Шамаъёҳу ва Натанъил, бародарони ӯ, ва
Ҳашабьёҳу ва Яиил ва Юзобод, сарварони левизодагон, ба
левизодагон барои қурбониҳои фисҳ панҷ ҳазор сар барраю бузғола
ва панҷсад сар гов доданд.

10 Ва хизмат дуруст ба ҷо оварда шуд, ва коҳинон дар ҷойҳои худ, ва левизодагон дар гурӯҳҳои худ, бар тибқи фармони подшоҳ истоданд+.

11 Ва барраҳои фисҳро забҳ карданд, ва коҳинон хунро аз дасти левизодагон гирифта, мепошиданд, ва левизодагон пӯсти барраҳоро меканданд.

12 Ва он чиро, ки барои қурбонии сӯхтанӣ буд, ҷудо карданд, то онро мувофиқи тақсимоти хонаводаҳо ба фарзандони қавм бидиҳанд, то ки онҳо, бар тибқи он чи дар китоби Мусо навишта шудааст, барои Худованд қурбонӣ кунанд; бо говон низ чунин амал карданд.

13 Ва барраи фисҳро, мувофиқи дастуруламал, ба оташ пухтанд; ва қурбониҳои муқаддасро дар дегҳо ва тосҳо ва лаганҳо пухтанд, ва чобукона ба ҳамаи фарзандони қавм тақсим карда доданд+.

14 Ва баъд аз он барои худашон ва барои коҳинон тайёр карданд, зеро ки коҳинон, банӣ-Ҳорун, то шомгоҳ бо тақдим кардани қурбониҳои сӯхтанӣ ва чарбуҳо банд буданд; ва левизодагон барои худашон ва барои коҳинон, банӣ-Ҳорун, тайёр карданд.

15 Ва муғанниён, банӣ-Ософ, бар тибқи фармони Довуд ва Ософ ва Ҳеймон ва Едутун, ки ғайбгӯи подшоҳ буд, дар ҷойҳои худ истоданд, ва дарбонон — назди ҳар дарвоза: барои онҳо ҳоҷат надошт, ки аз сари кори худ дур шаванд, зеро ки бародаронашон левизодагон барои онҳо тайёр мекарданд+.

16 Ва тамоми хизмати Худованд дар он рӯз дуруст ба роҳ монда шуд, то ки иди фисҳро ба ҷо оваранд ва бар қурбонгоҳи Худованд, мувофиқи фармони подшоҳ Йӯшиёҳу, қурбониҳои сӯхтанӣ такдим намоянд.

17 Ва банӣ-Исроил, ки ҳозир буданд, фисҳро дар он вақт, ва иди фатирро ҳафт рӯз ба ҷо оварданд+.

18 Ва ҳеҷ иди фисҳ мисли ин дар Исроил аз айёми Самуили набӣ ба ҷо оварда нашудааст; ва ҳеҷ яке аз подшоҳони Исроил мисли ин фисҳе ки Йӯшиёҳу, ва коҳинон ва левизодагон ва ҳамаи ҳозирони Яҳудо ва Исроил, ва сокинони Ерусалим ба ҷо оварданд, ба ҷо наоварда буд.

19 Ин фисҳ дар соли ҳаждаҳуми подшоҳии Йӯшиёҳу ба ҷо оварда шуд.

## Фавти Йӯшиёҳу.

20 •Баъд аз ҳамаи ин тадбирҳое ки Йӯшиёҳу дар маъбад андешид, Накӯҳ, подшоҳи Миср, сӯи Каркамиш, ки бар Фурот воқеъ аст, барои ҷанг кардан баромад; ва Йӯшиёҳу ба истиқболи вай берун омад+.

21 Ва вай қосидонро назди ӯ фиристода, гуфт: «Маро бо ту, эй подшоҳи Яҳудо, чӣ кор аст? Ман имрӯз ба муқобили ту набаромадаам, балки ба муқобили маконе ки бо он бояд ҷанг кунам, ва Худо ба ман амр фармудааст, ки таъҷил намоям; аз Худое ки бо ман аст, даст бикаш, мабодо Ӯ туро нобуд кунад».

22 Вале Йӯшиёҳу рӯи худро аз вай нагардонид, балки либоси худро иваз намуд, то ки бо вай ҷанг кунад; ва ба суханони Накӯҳ, ки аз ҷониби Худо буд, гӯш надод, ва ба водии Маҷиддӯ омад, то ки ҷанг кунад+.

23 Ва тирандозон ба подшоҳ Йӯшиёҳу тир андохтанд, ва подшоҳ ба навкаронаш гуфт: «Маро берун баред, зеро ки бағоят бемор шудаам»+.

24 Ва навкаронаш ӯро аз ароба фуроварда, ба аробаи дуюме ки дошт, савор карданд, ва ӯро ба Ерусалим оварданд, ва ӯ мурд, ва дар мақбараи падаронаш дафн карда шуд; ва тамоми Яҳудо ва Ерусалим барои Йӯшиёҳу мотам гирифтанд+.

25 Ва Ирмиёҳу дар ҳаққи Йӯшиёҳу марсия хонд, ва ҳамаи муғанниён ва муғаннияго дар марсияҳои худ то имрӯз дар ҳаққи Йӯшиёҳу суҳан меронанд, ва он марсияҳо дар Исроил ба ҳукми қонун даромадааст; ва инак, онҳо дар китоби марсияҳо навишта шудааст.

26 Ва бақияи аъмоли Йӯшиёҳу ва некиҳои ӯ, ки ба навиштаҳои Таврoти Худованд мувофиқ буд,

27 Ва корҳои ӯ, аз аввал то охир, дар китоби подшоҳони Исроил ва Яҳудо навишта шудааст.

## Подшоҳии Еҳӯоҳоз.

36 1 •Ва қавми мамлакат Еҳӯоҳоз ибни Йӯшиёҳуро гирифтанд,
ва ӯро ба ҷои падараш дар Ерусалим подшоҳ карданд.
2 Дар вақти подшоҳ шуданаш Еҳӯоҳоз бисту сесола буд, ва се моҳ
дар Ерусалим подшоҳӣ кард.
3 Ва подшоҳи Миср ӯро дар Ерусалим сарнагун кард, ва бар
мамлакат сад киккар нуқра ва як киккар тилло ҷарима надохт.
4 Ва подшоҳи Миср бародари ӯ Эльёқимро дар Яҳудо ва Ерусалим
подшоҳ карда, номи ӯро ба Еҳӯёқим мубаддал намуд; ва Йӯоҳоз
бародари ӯро гирифта, ба Миср бурд+.

5 •Дар вақти подшоҳ шуданаш Еҳӯёқим бисту панҷсола буд, ва
ёздаҳ сол дар Ерусалим подшоҳӣ кард; ва он чи дар назари Худованд
Худояш бад буд, ба амал овард.
6 Набукаднесар, подшоҳи Бобил, ба муқобили ӯ лашкар кашид, ва
ӯро занҷирбанд кард, то ки ӯро ба Бобил барад+.
7 Ва аз колои хонаи Худованд Набукаднесар ба Бобил овард, ва
онро дар ибодатхонаи худ дар Бобил гузошт+.

## Подшоҳ шудани Еҳӯёкин.

8 Ва бақияи аъмоли Еҳӯёқим, ва корҳои зиште ки ӯ кард, ва он чи
дар ӯ ёфт шуд, дар китоби подшоҳони Исроил ва Яҳудо навишта
шудааст; ва писараш Еҳӯёкин ба ҷои ӯ подшоҳ шуд.

9 •Дар вақти подшоҳ шуданаш Еҳӯёкин ҳаштсола буд, ва се моҳу
даҳ рӯз дар Ерусалим подшоҳӣ кард; ва он чи дар назари Худованд
бад буд, ба амал овард.
10 Ва баъд аз интиҳои сол, подшоҳ Набукаднесар фиристод, ва ӯро
бо колои нафисаи хонаи Худованд ба Бобил овард; ва бародари ӯ
Сидқиёҳуро бар Яҳудо ва Ерусалим подшоҳ кард+.

## Подшоҳии Сидқиёҳу.

11 •Дар вақти подшоҳ шуданаш Сидқиёҳу бисту яксола буд, ва
ёздаҳ сол дар Ерусалим подшоҳӣ кард.
12 Ва он чи дар назари Худованд Худояш бад буд, ба амал овард;
пеши Ирмиёй набӣ, ки аз забони Худованд сухан гуфт, гардан

нафуроварданд+.
[13] Ва низ ба муқобили подшоҳ Набукаднесар, ки ӯро ба Худо қасам
дода буд, исьён бардошт; ва гарданкашӣ намуда ва дили худро сахт
гардонида, сӯи Худованд Худои Исроил руҷӯъ накард+.
[14] Ҳамчунин ҳамаи сарварони коҳинон ва қавм, ба тақлиди ҳамаи
корҳои зишти халқҳо, хиёнати зиёде ба амал оварданд, ва хонаи
Худовандро, ки Ӯ дар Ерусалим тақдис намуда буд, палид карданд+.

## Бақияи аҳли Яҳудо ба асирии Бобил бурда шуданд.

[15] •Ва Худованд Худои падаронашон назди онҳо ба воситаи
расулони Худ фиристод, ҳар субҳидам гаштаю баргашта равона кард,
зеро ки бар қавми Худ ва бар маскани Худ шафқат намуд+.
[16] Вале онҳо расулони Худоро тамасхур карданд, ва аз суханони Ӯ
нафрат доштанд, ва анбиёи Ӯро хорӣ доданд, то ба ҳадде ки оташи
ғазаби Худованд бар қавми Ӯ аланга гирифт, ба тавре ки он
илоҷнопазир буд+.
[17] Ва Ӯ подшоҳи калдониёнро бар онҳо оварда, ки вай ҷавонони
онҳоро дар хонаи муқаддасашон бо шамшер кушт, ва бар ҷавонон ва
дӯшизагон ва пирон ва мӯйсафедон шафқат нанамуд: Ӯ ҳамаро ба
дасти вай супурд+.
[18] Ва вай тамоми колои хонаи Худоро, — хоҳ калон хоҳ хурд, — ва
хазоини хонаи Худованд ва ҳазоини подшоҳ ва сарваронашро
комилан ба Бобил бурд.
[19] Ва хонаи Худоро сӯзониданд, ва ҳисори Ерусалимро хароб
карданд, ва ҳамаи қасрҳои онро ба оташ сӯзониданд, ва тамоми
колои нафисаи онро несту нобуд карданд.
[20] Ва онҳоеро, ки аз шамшер боқӣ монда буданд, вай ба Бобил ба
асирӣ бурд, ва онҳо ғуломони вай ва писаронаш буданд, то вақте ки
салтанати подшоҳи Форс барқарор гардид,
[21] То ба амал ояд каломи Худованд, ки бо забони Ирмиё гуфта буд,
яъне то вақте ки замин дамгирии шанбеҳои худро талофӣ намуд: он
дар тамоми айёми харобӣ дам гирифт, то даме ки ҳафтод сол пур
шуд+.

## Амри подшоҳ Куруш дар бораи аз нав барқарор кардани

## маъбади Ерусалим.

22 ●Ва дар соли якуми Куруш, подшоҳи Форс, барои он ки каломи
Худованд аз забони Ирмиё иҷро шавад, Худованд рӯҳи Куруш,
подшоҳи Форсро барангехт, ва ӯ дар тамоми мамлакати худ ҷор
андохт ва ба таври хаттӣ низ эълон намуда, гуфт:+
23 «Куруш, подшоҳи Форс, чунин мегӯяд: „Ҳамаи мамлакатҳои
заминро Худованд, Худои осмон, ба ман додааст, ва Ӯ ба ман амр
фармудааст, ки дар Ерусалим, ки дар Яҳудия аст, хонае барои Ӯ бино
намоям. Кист аз шумо, аз тамоми қавми Ӯ, ки Худояш бо вай бошад,
бархоста биравад“»+.

---

● 1:1 *3 Подш. 3:4-14*

\+ 1:1 1 Вақ. 29:25

\+ 1:3 1 Вақ. 16:39, 1 Вақ. 21:29

\+ 1:4 1 Вақ. 13:5-6, 2 Подш. 6:17, 1 Вақ. 15:1

\+ 1:5 Хур. 31:2, Хур. 27:1, Хур. 38:1

\+ 1:8 1 Вақ. 28:5

\+ 1:9 3 Подш. 8:26, 2 Вақ. 6:17, Ҳас. 13:16, Ҳас. 28:14

\+ 1:12 3 Подш. 4:29-31, 3 Подш. 5:12, 3 Подш. 10:23, Воиз 1:16

● 1:14 *3 Подш. 10:26-29*

\+ 1:14 3 Подш. 4:26, 3 Подш. 9:19

+ 1:16 Так. Шар. 17:16

● *2:1 3 Подш. 5*

+ 2:3 1 Вақ. 14:1

+ 2:5 Заб. 134:5

+ 2:6 3 Подш. 8:27, 2 Вақ. 6:18, Иш. 66:1

+ 2:7 1 Вақ. 22:15

+ 2:11 3 Подш. 10:9

+ 2:13 3 Подш. 7:13-14

+ 2:16 Ех. 19:46

+ 2:17 1 Вақ. 22:2

● *3:1 3 Подш. 6, 3 Подш. 7:15-21*

+ 3:1 Ҳас. 22:2, 1 Вақ. 22:1

+ 3:10 Хур. 25:18-20

+ 3:14 Хур. 26:31

+ 3:15 4 Подш. 25:16-17, Ирм. 52:21-23

● 4:1 *3 Подш. 7:23-51*

+ 4:1 2 Вак. 7:7, 2 Вак. 8:12

+ 4:2 4 Подш. 16:17

+ 4:6 Ҳиз. 40:38

+ 4:7 Хур. 25:31-39

● 5:2 *3 Подш. 8:1-13*

+ 5:2 2 Подш. 6:12

+ 5:8 Хур. 25:22, Хур. 26:33-34, 2 Вак. 3:10-13, Хур. 25:13-15

+ 5:10 Хур. 16:33-34, Ад. 17:10, Хур. 25:21, Хур. 40:20, Так. Шар. 10:5

+ 5:11 1 Вақ. 24:1-9

+ 5:12 1 Вақ. 6:33, 1 Вақ. 6:39, 1 Вақ. 25:1, 1 Вақ. 15:16, Заб. 150:3-5

+ 5:13 1 Вақ. 16:42, 1 Вақ. 16:34, Эзр. 3:11, Заб. 105:1

+ 5:14 Хур. 40:34-35

+ 6:1 Заб. 17:12, Заб. 96:2

● 6:3 *3 Подш. 8:14-21*

+ 6:3 2 Подш. 6:18

+ 6:6 2 Подш. 7:6-8, 1 Вақ. 17:5-7

+ 6:7 2 Подш. 7:2, 1 Вақ. 17:1, 1 Вақ. 22:7

+ 6:9 2 Подш. 7:12-13

+ 6:10 1 Вақ. 28:5

● 6:12 *3 Подш. 8:22-53*

+ 6:12 Эзр. 9:5

+ 6:14 Хур. 15:11

+ 6:16 2 Подш. 7:16, 3 Подш. 2:4

+ 6:17 2 Вақ. 1:9

+ 6:18 2 Вақ. 2:6, Иш. 66:1

+ 6:20 Так. Шар. 12:11

+ 6:22 Хур. 22:11

+ 6:24 Иб. 26:17

+ 6:26 Так. Шар. 11:17, 3 Подш. 17:1

+ 6:27 1 Подш. 12:23

+ 6:28 Иб. 26:16, Так. Шар. 28:22, Ом. 4:9, Ҳаҷ. 2:17

+ 6:30 1 Вақ. 28:9, Заб. 43:20, Мас. 15:11, Аъм. 1:24

+ 6:32 Заб. 101:16

+ 6:36 Мас. 20:9, Воиз 7:20, Яък. 3:2, 1 Юҳ. 1:8-10, Рум. 3:23

+ 6:37 Иб. 26:40, Наҳ. 9:2, Дон. 9:4-5

+ 6:38 Ирм. 29:12-14

+ 6:40 Наҳ. 1:6, Наҳ. 1:11, Заб. 129:2

+ 6:41 Айюб 29:14, Заб. 131:8-9

+ 6:42 Заб. 131:10

● 7:1 *3 Подш. 8:62-66*

+ 7:1 Иб. 9:24, Лов. 6:21, 3 Подш. 18:38, 1 Вақ. 21:26, Хур. 40:34-35, 2 Вақ. 5:14

+ 7:3 Эзр. 3:11, Заб. 105:1

+ 7:7 2 Вақ. 4:1

+ 7:8 Иб. 23:34

● 7:11 *3 Подш. 9:1-9*

+ 7:12 3 Подш. 3:5

+ 7:13 2 Вак. 6:26, 2 Вак. 6:28

+ 7:14 2 Вак. 12:7

+ 7:15 2 Вак. 6:40

+ 7:16 Так. Шар. 11:12

+ 7:18 3 Подш. 2:4

+ 7:20 Так. Шар. 4:26, Так. Шар. 28:37

+ 7:21 Иб. 26:32, Так. Шар. 29:24, Ирм. 22:8, Ирм. 52:13

● 8:1 *3 Подш. 9:10-28*

+ 8:1 3 Подш. 6:38, 3 Подш. 7:1

+ 8:5 Еҳ. 16:3, Еҳ. 16:5, Так. Шар. 3:5

+ 8:9 Иб. 25:9, 3 Подш. 5:13

+ 8:11 3 Подш. 3:1, 3 Подш. 7:8

+ 8:12 2 Вак. 4:1, 2 Вак. 7:7

+ 8:13 Так. Шар. 16:1-17

+ 8:14 1 Вақ. 24:6, 1 Вақ. 25:1, 1 Вақ. 9:22

\+ 8:17 Так. Шар. 2:8, 4 Подш. 14:22

\+ 8:18 Ҳас. 10:29, 1 Вақ. 29:4, Айюб 22:24, Айюб 28:16, Заб. 44:10, Иш. 13:12

● 9:1 *3 Подш. 10:1-13*

\+ 9:1 Заб. 71:10, Заб. 71:15, Иш. 60:6, Ирм. 6:20, Ҳиз. 27:22, Ҳиз. 38:13, Юил 3:8, 3 Подш. 4:34, Мат. 12:42, Луқ. 11:31

\+ 9:8 2 Вақ. 2:11, 2 Подш. 8:15

\+ 9:10 3 Подш. 9:27-28

● 9:13 *3 Подш. 10:14-29*

\+ 9:16 3 Подш. 14:26, 3 Подш. 7:2

\+ 9:21 3 Подш. 22:48

\+ 9:22 3 Подш. 3:12-13, 2 Вақ. 1:12

\+ 9:23 3 Подш. 4:34, 3 Подш. 10:1, 2 Вақ. 9:1

\+ 9:25 3 Подш. 4:26, 2 Вақ. 1:14-17, 3 Подш. 9:19, 3 Подш. 4:26

\+ 9:26 3 Подш. 4:21

\+ 9:28 Так. Шар. 17:16, 2 Вақ. 1:14-16

● 9:29 *3 Подш. 11:41-43*

● 10:1 *3 Подш. 12:1-23*

+ 10:1 Дов. 9:6

+ 10:2 3 Подш. 11:26, 3 Подш. 11:40

+ 10:4 3 Подш. 4:7, 3 Подш. 4:22, 3 Подш. 9:15

+ 10:15 3 Подш. 11:31

+ 10:16 2 Подш. 20:1

+ 10:18 3 Подш. 4:6, 3 Подш. 5:14

+ 11:2 2 Вак. 12:5, 2 Вак. 12:15

+ 11:5 2 Вак. 8:5

+ 11:14 Ад. 35:2-3

+ 11:15 3 Подш. 12:31, 3 Подш. 13:33, Иб. 17:7, 3 Подш. 12:28

+ 11:18 1 Подш. 16:6, 1 Подш. 17:13

+ 11:22 Так. Шар. 21:15-17

● 12:1 *3 Подш. 14:22-28*

+ 12:2 3 Подш. 11:40

+ 12:4 2 Вак. 11:5-12

+ 12:5 3 Подш. 12:22, 2 Вак. 11:2

+ 12:6 Хур. 9:27

+ 12:9 3 Подш. 10:17

+ 12:12 2 Вак. 19:3

● 12:13 *3 Подш. 14:29-31*

+ 12:15 3 Подш. 12:22, 2 Вак. 11:2, 2 Вак. 12:5, 2 Вак. 9:29, 2 Вак. 13:22

● 13:1 *3 Подш. 15:1-24*

+ 13:5 2 Подш. 7:12-13

+ 13:6 3 Подш. 11:26

+ 13:8 3 Подш. 12:28

+ 13:9 2 Вак. 11:14, Ирм. 5:7, Ирм. 16:20

+ 13:12 Ад. 10:9

+ 13:20 3 Подш. 14:20

+ 13:22 2 Вак. 9:29, 2 Вак. 12:15

● 14:2 *3 Подш. 15:9-12*

+ 14:3 Хур. 23:24, Хур. 34:13

+ 14:6 2 Вак. 11:5, 2 Вак. 15:15, 2 Вак. 20:30

+ 14:9 Еҳ. 15:44, 2 Вак. 11:8

+ 14:14 Ҳас. 10:19, Ҳас. 20:1, Ҳас. 26:1, 2 Вак. 17:10, 2 Вак. 20:29

+ 15:1 Ад. 24:2, 2 Вак. 20:14, 2 Вак. 24:20

+ 15:2 1 Вақ. 28:9, Иш. 55:6, Ирм. 29:13

+ 15:6 Марқ. 13:8

+ 15:7 Еҳ. 1:6-7

+ 15:9 2 Вак. 11:16

+ 15:11 2 Вак. 14:15

+ 15:12 4 Подш. 23:3, 2 Вак. 29:10, 2 Вак. 34:31

+ 15:13 Так. Шар. 13:6-9

+ 15:15 2 Вак. 14:6, 2 Вак. 20:30

+ 15:16 3 Подш. 15:13-15, 4 Подш. 23:4, 4 Подш. 23:6, 4 Подш. 23:12

● 16:1 *3 Подш. 15:17-22*

\+ 16:2 3 Подш. 14:26, 4 Подш. 12:18

\+ 16:7 Иш. 31:1, Ирм. 17:5

\+ 16:8 2 Вак. 12:3, 2 Вак. 14:9

\+ 16:9 Мас. 5:21, Ирм. 16:17, Ирм. 32:19, Зак. 4:10, 3 Подш. 15:32

\+ 16:10 2 Вак. 18:26

\+ 17:2 2 Вак. 11:5

\+ 17:4 3 Подш. 12:28

\+ 17:10 2 Вак. 14:14, 2 Вак. 20:29

● 18:1 *3 Подш. 22:4-35*

\+ 18:1 2 Вак. 21:6

\+ 18:2 Так. Шар. 4:43, Ех. 21:38-39

\+ 18:3 4 Подш. 3:7

\+ 18:5 3 Подш. 18:19

\+ 18:6 4 Подш. 3:11

+ 18:10 Так. Шар. 33:17, Зак. 1:18-19

+ 18:13 Ад. 22:18, Ад. 24:13

+ 18:16 Ад. 27:17, Ҳиз. 34:5

+ 18:18 Иш. 6:1, Дон. 7:9, Ваҳй 4:2

+ 18:24 3 Подш. 20:30

+ 18:26 2 Вак. 16:10

+ 18:27 Ад. 16:29, Мик. 1:2

+ 18:33 2 Вак. 35:23

+ 19:2 3 Подш. 16:1, 2 Вак. 20:34

+ 19:3 2 Вак. 12:12

+ 19:5 Так. Шар. 16:18

+ 19:6 Рум. 13:4

+ 19:7 Так. Шар. 1:17

+ 19:8 Заб. 121:5

+ 19:9 2 Подш. 23:3

+ 19:10 Так. Шар. 17:8-9, Ҳиз. 3:17, Ҳиз. 33:7

+ 20:2 Ҳас. 14:7

+ 20:3 Эзр. 8:21, Ирм. 36:9, Юн. 3:5

+ 20:6 1 Вақ. 29:12

+ 20:7 Иш. 41:8, Яъқ. 2:23

+ 20:9 3 Подш. 8:33, 3 Подш. 8:37, 2 Вақ. 6:28, 2 Вақ. 6:34

+ 20:10 Так. Шар. 2:5, Так. Шар. 2:9, Так. Шар. 2:19, Ад. 20:21

+ 20:12 Заб. 24:15, Заб. 122:1-2, Заб. 140:8

+ 20:14 2 Вақ. 15:1

+ 20:17 Так. Шар. 20:1-4

+ 20:19 Хур. 6:16, 1 Вақ. 6:16-18, 1 Вақ. 9:19

+ 20:20 2 Подш. 14:2

+ 20:21 1 Вақ. 16:34, 2 Вақ. 5:13, Эзр. 3:11, Заб. 105:1

+ 20:23 Дов. 7:22, 1 Подш. 14:20, 2 Вақ. 20:22-23

+ 20:29 2 Вақ. 14:14, 2 Вақ. 17:10

+ 20:30 2 Вақ. 14:6, 2 Вақ. 15:15

● 20:31 *3 Подш. 22:41-50*

+ 20:34 3 Подш. 16:1, 2 Вак. 19:2

● 21:4 *4 Подш. 8:16-24*

+ 21:6 3 Подш. 12:28-30, 2 Вак. 18:1

+ 21:7 2 Подш. 21:17, 3 Подш. 11:36

+ 21:8 Ҳас. 27:40, 3 Подш. 22:47

+ 21:12 3 Подш. 17:1, 2 Вак. 14:2-5, 2 Вак. 17:3-4

+ 21:13 3 Подш. 12:28-30, 3 Подш. 16:31-33

+ 21:16 2 Вак. 17:11

+ 21:19 2 Вак. 16:14

● 22:1 *4 Подш. 8:25*

+ 22:2 4 Подш. 11:1, 2 Вак. 22:10

+ 22:4 3 Подш. 16:31-33

+ 22:5 4 Подш. 8:15, 3 Подш. 22:3

+ 22:8 4 Подш. 10:11-14

+ 22:9 2 Вак. 17:4

● 22:10 *4 Подш. 11:1-20*

+ 22:10 2 Вак. 22:2, Дов. 9:5

+ 23:3 2 Подш. 7:12-13

+ 23:4 1 Вақ. 9:25

+ 23:11 Так. Шар. 17:18-19, 1 Подш. 10:24

+ 23:13 4 Подш. 23:3, 2 Вак. 6:13

+ 23:15 Наҳ. 3:28, Ирм. 31:40

+ 23:17 4 Подш. 10:27

+ 23:18 Ад. 28:2, 1 Вақ. 23:6, 1 Вақ. 24:6

+ 23:19 Иб. 11

● 24:1 *4 Подш. 12:1-15*

+ 24:6 Хур. 30:11-16

+ 24:10 Марқ. 12:41, Луқ. 21:1

● 24:17 *4 Подш. 12:17-21*

+ 24:18 Так. Шар. 16:21-22

+ 24:19 Ирм. 25:4

+ 24:20 Ад. 24:2, 2 Вак. 15:1

+ 24:21 Мат. 23:35, Луқ. 11:51

+ 24:22 Ҳас. 9:5

+ 24:24 Иб. 26:8, Иш. 30:17

● 25:1 *4 Подш. 14:1-22*

+ 25:3 2 Вак. 24:25-26

+ 25:4 Так. Шар. 24:16

+ 25:5 Ад. 1:3

+ 25:11 2 Подш. 8:13

+ 25:12 Заб. 140:6

+ 25:14 2 Вак. 28:23

+ 25:18 Дов. 9:8-15

+ 25:21 Еҳ. 15:10

+ 25:23 Наҳ. 8:16, Ирм. 31:38, Зак. 14:10

+ 25:24 3 Подш. 7:51, 4 Подш. 12:18, 1 Вақ. 26:15

+ 25:27 Ех. 10:3

● 26:1 *4 Подш. 15:1-7*

+ 26:2 Так. Шар. 2:8, 3 Подш. 9:26

+ 26:4 2 Вак. 25:2

+ 26:5 2 Вак. 24:2

+ 26:7 1 Вақ. 4:41, 2 Вак. 20:1

+ 26:8 2 Вак. 17:11

+ 26:9 4 Подш. 14:13, Наҳ. 2:13, Наҳ. 3:13, Наҳ. 3:19-20

+ 26:18 Ад. 3:10, Ад. 16:40, Ад. 18:7

+ 26:20 Ад. 12:10

+ 26:21 Иб. 13:46

+ 26:22 Иш. 1:1, Иш. 6:1

● 27:1 *4 Подш. 15:32-38*

+ 27:2 2 Вак. 26:4, 2 Вак. 26:16

+ 27:3 2 Вак. 33:14, Наҳ. 3:26, Наҳ. 11:21

● 28:1 *4 Подш. 16*

+ 28:3 Иб. 18:21, Так. Шар. 18:10

+ 28:4 Так. Шар. 12:2

+ 28:5 Иш. 7:1

+ 28:9 Эзр. 9:6, Ваҳй 18:5

+ 28:15 4 Подш. 6:22, Мас. 25:21, Рум. 12:20, Так. Шар. 34:3, Дов. 1:16

+ 28:17 Ом. 1:11

+ 28:18 Ом. 1:6

+ 28:20 4 Подш. 15:29

● 29:1 *4 Подш. 18:1-3*

+ 29:7 2 Вак. 28:24

+ 29:10 4 Подш. 23:3, 2 Вак. 15:12, 2 Вак. 34:31

+ 29:11 Иб. 8:14

+ 29:12 Ад. 3:17

+ 29:13 1 Вақ. 15:8, 1 Вақ. 6:39

+ 29:14 1 Вақ. 16:41-42

+ 29:16 2 Подш. 15:23

+ 29:19 2 Вақ. 28:24

+ 29:22 Иб. 8:15

+ 29:23 Иб. 4:15

+ 29:25 2 Подш. 12:1, 1 Вақ. 21:9, 2 Вақ. 8:14, 1 Вақ. 25:6

+ 29:26 1 Вақ. 23:5

+ 30:2 Ад. 9:9-11

+ 30:3 2 Вақ. 29:34

+ 30:5 Дов. 20:1

+ 30:6 Ирм. 4:1, Юил 2:12

+ 30:7 Ҳиз. 20:18

+ 30:8 Хур. 32:9, 4 Подш. 17:14

+ 30:9 Хур. 34:6

+ 30:14 2 Вақ. 28:24

+ 30:16 Так. Шар. 33:1

+ 30:18 Хур. 12:43-49

+ 30:21 Хур. 12:15, Хур. 13:6

+ 30:26 2 Вак. 7:8-10

+ 30:27 Ад. 6:23-27, Так. Шар. 26:15

+ 31:1 Так. Шар. 16:21-22

+ 31:2 1 Вақ. 23:6, 1 Вақ. 24:6

+ 31:3 Ад. 28

+ 31:4 Ад. 18:8-24

+ 31:5 Нах. 13:12

+ 31:6 Иб. 27:30, Так. Шар. 14:22

+ 31:10 Мал. 3:10

+ 31:11 Нах. 10:39

+ 31:15 Ех. 21:9-19

+ 31:17 Ад. 4:3, Ад. 8:24-25, 1 Вақ. 23:24, Эзр. 3:8

+ 31:20 4 Подш. 18:3, 4 Подш. 20:3

● 32:1 *4 Подш. 18:13, Иш. 36:1*

+ 32:5 2 Вак. 25:23, 2 Подш. 5:9

+ 32:7 Так. Шар. 31:6, 4 Подш. 6:16

+ 32:8 2 Вак. 15:2, 2 Вак. 20:17

+ 32:12 4 Подш. 18:4, 2 Вак. 31:1

+ 32:13 Дон. 3:15

+ 32:15 Иш. 10:11

+ 32:21 2 Подш. 24:16, 1 Вақ. 21:15

+ 32:24 4 Подш. 20:11, Иш. 38:8

+ 32:25 Заб. 115:3, 2 Вак. 26:16

+ 32:26 Ирм. 26:19

+ 32:30 4 Подш. 20:20

● 33:1 *4 Подш. 21:1-9*

+ 33:3 2 Вак. 31:1, Так. Шар. 16:21, Так. Шар. 4:19, 4 Подш. 17:16, 4 Подш. 23:5

+ 33:4 Так. Шар. 12:11, 3 Подш. 18:29, Ирм. 7:30, Ирм. 32:34

+ 33:5 3 Подш. 6:36, 3 Подш. 7:12

+ 33:6 Иб. 18:21, Так. Шар. 18:10, Иб. 19:31

+ 33:8 3 Подш. 9:3, 2 Вак. 7:12

+ 33:11 Так. Шар. 28:36

+ 33:13 Дон. 4:33

+ 33:14 3 Подш. 1:33, Нах. 3:3, Нах. 12:39, Саф. 1:10

● 33:21 *4 Подш. 21:19-26*

+ 33:22 4 Подш. 21:2-7, 2 Вак. 33:3-6

+ 33:23 2 Вак. 33:12

● 34:1 *4 Подш. 22:1-7*

+ 34:2 Так. Шар. 5:32

+ 34:3 Хур. 23:24, Хур. 34:13, Так. Шар. 7:5, 2 Вак. 14:3

+ 34:4 Так. Шар. 16:21, 4 Подш. 23:6

+ 34:5 Иб. 26:30, 3 Подш. 13:2, 4 Подш. 23:20

+ 34:12 1 Вақ. 23:5

● 34:14 *4 Подш. 22:8-20*

+ 34:14 Хур. 24:7, Так. Шар. 31:24-26

+ 34:20 Ирм. 26:24, Ирм. 39:14, Ирм. 40:5

+ 34:21 Так. Шар. 29:27

+ 34:22 Саф. 1:10

+ 34:25 Так. Шар. 31:29

+ 34:27 Иш. 57:15

+ 34:28 Иш. 57:1-2

● 34:29 *4 Подш. 23:1-3*

+ 34:30 Так. Шар. 31:11

+ 34:31 4 Подш. 11:14, 4 Подш. 23:3, 2 Вак. 15:12, 2 Вак. 29:10

+ 34:33 2 Вак. 28:3, 2 Вак. 33:2

● 35:1 *4 Подш. 23:21-23*

+ 35:1 Хур. 12:3-11, Так. Шар. 16:2-8

+ 35:3 2 Вак. 17:9

+ 35:4 1 Вақ. 23, 2 Вак. 8:14

+ 35:7 2 Вак. 31:3

+ 35:10 2 Вак. 30:16, Эзр. 6:18

+ 35:13 Хур. 12:8-9, Так. Шар. 16:7

+ 35:15 1 Вақ. 25:1, 1 Вақ. 26:1-19

+ 35:17 Хур. 12:1-20

● 35:20 *4 Подш. 23:28-30*

+ 35:20 Ирм. 46:2

+ 35:22 2 Вак. 18:29

+ 35:23 2 Вак. 18:33

+ 35:24 4 Подш. 9:28, 4 Подш. 22:20

● 36:1 *4 Подш. 23:30-35*

+ 36:4 Ирм. 22:11-12

● 36:5 *4 Подш. 23:36*

+ 36:6 Ирм. 25:1, Дон. 1:1

+ 36:7 Дон. 1:2, Дон. 5:2

● 36:9 *4 Подш. 24:8-17*

+ 36:10 Ирм. 24:1-2, Ҳиз. 17:12-13

● 36:11 *4 Подш. 24:18-20, Ирм. 52:1-2*

+ 36:12 Ирм. 21:3-7, Ирм. 27:12-22, Ирм. 32:1-5, Ирм. 38:17-26

+ 36:13 Ҳиз. 17:15

+ 36:14 Иб. 15:31, Ирм. 7:30, Ҳиз. 5:11

● 36:15 *4 Подш. 25:1-21, Ирм. 39:1-10, Ирм. 52:1-30*

+ 36:15 Ирм. 7:13, Ирм. 25:3

+ 36:16 Ирм. 5:13, Зак. 1:4

+ 36:17 Так. Шар. 28:49-50

+ 36:21 Иб. 26:33-35, Ирм. 25:11

● 36:22 *Эзр. 1:1-4*

+ 36:22 Ирм. 29:10, Иш. 44:28, Иш. 45:1, Дон. 6:28, Эзр. 5:13

+ 36:23 Иш. 41:2, Иш. 44:28

*КИТОБИ*

**ЭЗРО**


| 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 | 7 | 8 | 9 | 10 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|

## Фармони Куруш дар борои аз нав барқарор кардани маъбади Ерусалим.

**1** 1 •Ва дар соли якуми Куруш, подшоҳи Форс, барои он ки
каломи Худованд аз забони Ирмиё иҷро шавад, Худованд рӯҳи
Куруш, подшоҳи Форсро барангехт, ва ӯ дар тамоми мамлакати худ
ҷор андохт ва ба таври хаттӣ низ эълон намуда, гуфт:+
2 «Куруш, подшоҳи Форс, чунин мегӯяд: ҳамаи мамлакатҳои
заминро Худованд, Худои осмон, ба ман додааст, ва Ӯ ба ман амр
фармудааст, ки дар Ерусалим, ки дар Яҳудия аст, хонае барои Ӯ бино
намоям+.
3 Кист аз шумо, аз тамоми қавми Ӯ, ки Худояш бо вай бошад,
бархоста ба Ерусалим, ки дар Яҳудия аст, биравад ва хонаи Худованд
Худои Исроилро, — ҳамон Худоро, ки дар Ерусалим аст, — бино
намояд.
4 Ва ҳар кӣ боқӣ мондааст, дар ҳамаи маконҳое ки вай дар он ҷо
истиқомат дорад, бигзор аҳли он макон ба вай бо нуқра ва тилло ва
молу мулк ва чорпоён, илова ба хайрот барои хонаи Худо, ки дар
Ерусалим аст, кӯмак расонанд».
5 Ва сардорони хонаводаҳои Яҳудо ва Биньёмин, ва коҳинон ва
левизодагон, ҳамаи онҳое ки Худо рӯҳашонро барангехта буд, то ба
сохтани хонаи Худо, ки дар Ерусалим аст, биравандд, бархостанд.
6 Ва тамоми мардуми гирду атрофашон онҳоро бо колои нуқра ва
тилло, бо молу мулк ва чорпоён ва нуқлу наво, илова ба хайроти
саховатмандона, дастгирӣ карданд.
7 Ва подшоҳ Куруш зарфҳои хонаи Худовандро, ки Набукаднесар
аз Ерусалим оварда, дар хонаи худои худ гузошта буд, берун овард+.
8 Ва Куруш, подшоҳи Форс, онҳоро ба воситаи Митредоти
хазинадор берун овард, ва ӯ ба Шешбасар, раиси Яҳудия, онҳоро
шумурда супурд+.
9 Ва ин аст шумораи онҳо: сӣ тоси тилло, ҳазор тоси нуқра, бисту
нӯҳ корд,
10 Сӣ косаи тилло, чорсаду даҳ косаи нуқраи дучандон ва ҳазор
зарфи дигар.

[11] Ҳамаи зарфҳои тилло ва нуқра панҷ ҳазору чорсадто буд. Ҳамаи инро Шешбасар бо ҷалои ватан шудагоне ки аз Бобил ба Ерусалим рафтанд, бурд.

## Номгӯи хонаводаҳое ки аз миёни қавм баргаштанд.

2 [1] •Ва инҳоянд сокинони мамлакат, ки аз асирии ҳиҷрат, ки
Набукаднесар, подшоҳи Бобил, ба Бобил ба асирӣ бурда буд, ба
Ерусалим ва Яҳудо, ҳар яке ба шаҳри худ баргаштанд, —+
[2] Онҳое ки бо Зарубобил, Ешуа, Наҳемьё, Сароё, Раэлоё, Мордахай,
Билшон, Миспор, Биҷвай, Раҳум ва Баано омаданд. Шумораи
одамони қавми Исроил:+
[3] Зодагони Фаръуш — ду ҳазору саду ҳафтоду ду;+
[4] Зодагони Шафатьё — сесаду ҳафтоду ду;
[5] Зодагони Ораҳ — ҳафтсаду ҳафтоду панҷ;
[6] Зодагони ҳокими Мӯоб, аз фарзандони Ешуа ва Юоб — ду ҳазору
ҳаштсаду дувоздаҳ;
[7] Зодагони Элом — ҳазору дусаду панҷоҳу чор;
[8] Зодагони Затту — нӯҳсаду чилу панҷ;
[9] Зодагони Заккой — ҳафтсаду шаст;
[10] Зодагони Бонӣ — шашсаду чилу ду;
[11] Зодагони Бебой — шашсаду бисту се;
[12] Зодагони Азҷод — ҳазору дусаду бисту ду;
[13] Зодагони Адуниқом — шашсаду шасту шаш;
[14] Зодагони Биҷвай — ду ҳазору панҷоҳу шаш;
[15] Зодагони Один — чорсаду панҷоҳу чор;
[16] Зодагони Отир илова ба зодагони Ҳизқиё — наваду ҳашт;
[17] Зодагони Бесой — сесаду бисту се;
[18] Зодагони Юро — саду дувоздаҳ;
[19] Зодагони Ҳошум — дусаду бисту се;
[20] Зодагони Ҷиббор — наваду панҷ;
[21] Зодагони Байт-Лаҳм — саду бисту се;
[22] Мардуми Натуфо — панҷоҳу шаш;
[23] Мардуми Анотӯт — саду бисту ҳашт;
[24] Зодагони Азмавт — чилу ду;
[25] Зодагони Қирьят-Орим, Кфиро ва Баэрӯт — ҳафтсаду чилу се;
[26] Зодагони Ромо ва Ҷобаъ — шашсаду бисту як;
[27] Мардуми Микмос — саду бисту ду;
[28] Мардуми Байт-Ил ва Ой — дусаду бисту се;

29 Зодагони Набӯ — панҷоҳу ду;
30 Зодагони Маҷбиш — саду панҷоҳу шаш;
31 Зодагони Эломи дигар — ҳазору дусаду панҷоҳу чор;
32 Зодагони Ҳорим — сесаду бист;
33 Зодагони Луд, Ҳодид ва Уну — ҳафтсаду бисту панҷ;
34 Зодагони Ериҳӯ — сесаду чилу панҷ;+
35 Зодагони Саноо — се ҳазору шашсаду сӣ+.

## Аз миёни коҳинон ва левизодагон.

36 Коҳинон: зодагони Едаъё аз хонадони Ешуа — нӯҳсаду ҳафтоду
се;+
37 Зодагони Иммир — ҳазору панҷоҳу ду;+
38 Зодагони Фашҳур — ҳазору дусаду чилу ҳафт;+
39 Зодагони Ҳорим — ҳазору ҳафдаҳ+.
40 Левизодагон: зодагони Ешуа ва Қадмиил илова ба зодагони
Ҳудавьё — ҳафтоду чор;+
41 Муғанниён: зодагони Ософ — саду бисту ҳашт;+
42 Зодагони дарбонон: зодагони Шаллум, зодагони Отир, зодагони
Талмун, зодагони Аққуб, зодагони Ҳатито ва зодагони Шубой — ҷамъ
саду сиву нӯҳ+.
43 Тобеон: зодагони Сиҳо, зодагони Ҳасуфо, зодагони Таббоут,+
44 Зодагони Қерус, зодагони Сиаҳо, зодагони Фодун,
45 Зодагони Лабоно, зодагони Ҳаҷобо, зодагони Аққуб,
46 Зодагони Ҳоҷоб, зодагони Салмай, зодагони Ҳонон,
47 Зодагони Ҷиддил, зодагони Ҷаҳар, зодагони Раоё,
48 Зодагони Расин, зодагони Нақудо, зодагони Ҷаззом,
49 Зодагони Уззо, зодагони Фосеҳо, зодагони Бесой,
50 Зодагони Асно, зодагони Мауним, зодагони Нафусим,
51 Зодагони Бақбуқ, зодагони Ҳақуфо, зодагони Ҳарҳур,
52 Зодагони Баслут, зодагони Маҳидо, зодагони Ҳаршо,
53 Зодагони Барқӯс, зодагони Сисро, зодагони Томаҳ,
54 Зодагони Насиҳо, зодагони Ҳатифо;

## Аз миёни хизматгорон ва ҳамдастони Сулаймон.

55 Зодагони ғуломони Сулаймон: зодагони Сутай, зодагони
Сӯферет, зодагони Фрудо,+

56 Зодагони Яъло, зодагони Дарқун, зодагони Ҷиддил,
57 Зодагони Шафатьё, зодагони Ҳаттил, зодагони Фухерет-Ҳасбоим, зодагони Омӣ, —
58 Ҷамъи тобеон ва зодагони ғуломони Сулаймон — сесаду наваду ду.
59 Ва инҳоянд касоне ки аз Тал-Милҳ, Тал-Ҳаршо, Каруб-Аддон ва Иммир баромаданд, вале хонадон ва аслу насаби худро натавонистанд бигӯянд, ки оё аз Исроил ҳастанд ё не:
60 Зодагони Далоё, зодагони Тубиё, зодагони Нақудо — шашсаду панҷоҳу ду.
61 Ва аз зодагони коҳинон: зодагони Ҳобайё, зодагони Ҳаққӯс — зодагони Барзилай, ки вай аз духтарони Барзилаи Ҷилъодӣ зан гирифта, бо номи онҳо хонда шудааст+.
62 Инҳо насабномаи худро ҷустуҷӯ намуда, наёфта буданд, — ва аз каҳонат хориҷ карда шуданд.
63 Ва волӣ ба онҳо гуфт, ки то коҳине дар пеши урим ва туммим наистад, аз хӯроки қудси қудсҳо нахӯранд+.

## Шумора ва дороии онҳо.

64 Тамоми ин ҷамоат ба якҷоягӣ чилу ду ҳазору сесаду шаст нафар буданд,
65 Ба ғайр аз ғуломон ва канизонашон; инҳо ҳафт ҳазору сесаду сиву ҳафт нафар буданд; ва ҳамроҳашон дусад нафар муғаннӣ ва муғанниягҳо буданд.
66 Аспҳои онҳо — ҳафтсаду сиву шаш; хачирҳои онҳо — дусаду чилу панҷ;
67 Уштурҳои онҳо — чорсаду сиву панҷ; харҳои онҳо — шаш ҳазору ҳафтсаду бист.
68 Ва баъзе аз сардорони хонаводаҳо, чун ба хонаи Худованд, ки дар Ерусалим аст, расиданд, хайрот барои хонаи Худо доданд, то ки онро бар ҷояш аз нав барқарор намоянд.
69 Алоқадри ҳолашон ба хазина барои ин кор шасту як ҳазор дирҳам* тилло, панҷ ҳазор мино* нуқра ва сад пероҳани каҳонат доданд.
70 Ва коҳинон, ва левизодагон, ва баъзе аз қавм, ва муғанниён, ва дарбонон, ва тобеон дар шаҳрҳои худ, ва тамоми Исроил дар

шаҳрҳои худ маскан гирифтанд.

## Сохтани қурбонгоҳ.

3 [1] Ва моҳи ҳафтум фаро расид, ва банӣ-Исроил дар шаҳрҳо
буданд, ва қавм, мисли як тан, дар Ерусалим ҷамъ омаданд+.
[2] Ва Ешуа ибни Юсодоқ, ва бародаронаш, ки коҳинон буданд, ва
Зарубобил ибни Шаалтиил ва бародаронаш бархостанд, ва
қурбонгоҳи Худои Исроилро бино карданд, то бар он қурбониҳои
сӯхтанӣ, чунон ки дар шариати Мусо, марди Худо, навишта шудааст,
бароваранд+.
[3] Ва қурбонгоҳро бар ҷои он барпо карданд, зеро ки аз қавмҳои
кишварҳо бим доштанд; ва бар он қурбониҳои сӯхтанӣ барои
Худованд, қурбониҳои сӯхтании субҳ ва шомро мебаровeasтанд+.

## Аз нав барқарор кардани ибодати қадимӣ.

[4] Ва иди хаймаҳоро, чунон ки навишта шудааст, ба ҷо оварда,
қурбонии сӯхтании ҳаррӯзаро ба миқдоре ки аз рӯи оин барои ҳар
рӯз муқаррар гардидааст, баровarданд+.
[5] Ва баъд аз он қурбонии сӯхтании доимиро дар навмоҳҳо, ва дар
ҳамаи идҳои муқаддаси Худованд, ва барои ҳар касе ки ба Худованд
ионат меоварад, баровардан гирифтанд+.
[6] Аз рӯзи якуми моҳи ҳафтум ба баровардани қурбониҳои сӯхтанӣ
барои Худованд шурӯъ карданд, валекин буньёди маъбади Худованд
ҳанӯз ниҳода нашуда буд.
[7] Ва нуқра ба сангтарошону наҷҷорон, ва хӯроку машруботу
равған ба сидӯниён ва сӯриён доданд, то аз Лубнон, мувофиқи
иҷозате ки Куруш, подшоҳи Форс, ба онҳо додааст, дарахтони арзро
бо роҳи баҳр ба Ёфӯ биёранд+.

## Ниҳодани буньёди маъбад.

[8] Ва дар соли дуюми расиданашон ба хонаи Худо, ки дар Ерусалим
аст, дар моҳи дуюм, Зарубобил ибни Шаалтиил ва Ешуа ибни Юсодоқ
ва дигар бародарони онҳо, коҳинон ва левизодагон ва ҳамаи онҳое
ки аз асирӣ ба Ерусалим омада буданд, шурӯъ карданд, ва
левизодагонро, аз бистсола ва болотар ба назорат кардан ба кори
хонаи Худованд гузоштанд+.

9 Ва Ешуа, писарон ва бародаронаш, Қадмиил ва писаронаш,
зодагони Яҳудо, мисли як тан, биистоданд, то ба касоне ки бо кори
хонаи Худо машғул буданд, яъне ба зодагони Ҳенодод, писаронашон
ва бародаронашон, ки левизода буданд, назорат кунанд+.
10 Ва чун бинокорон буньёди маъбади Худовандро ниҳоданд,
коҳинонро дар либоси худашон бо карнайҳо, ва левизодагон,
писарони Ософро бо санҷҳо гузоштанд, то ки Худовандро мувофиқи
расми Довуд, подшоҳи Исроил, мадҳ намоянд+.
11 Ва онҳо бо ҷӯшу хурӯш сароида, Худовандро мадҳ ва ҳамд
мегуфтанд, зеро ки Ӯ некӯст, зеро ки марҳамати Ӯ бар Исроил то
абад аст; ва тамоми қавм бо нидои баланди шодӣ Худовандро барои
буньёд ниҳодан ба хонаи Худованд мадҳ мегуфтанд+.
12 Ва бисьёре аз коҳинон ва левизодагон ва сардорони пири
хонаводаҳо, ки маъбади якумро дида буданд, вақте ки буньёди ин
маъбад дар пеши назарашон ниҳода шуд, бо овози баланд гиристанд;
ва бисьёр касон овози худро бо нидои шодӣ баланд карданд+.
13 Ва қавм нидои шодиро аз садои гирьяи қавм фарқ карда
наметавонистанд, зеро ки қавм бағоят баланд нидо мекарданд, ва
овозашон аз дур шунида мешуд.

## Душманон саъю кӯшиш менамоянд ба сохтмон монеъ шаванд.

4 [1] Ва душманони Яҳудо ва Биньёмин шуниданд, ки аз асирӣ
гашта омадагон барои Худованд Худои Исроил маъбад бино
мекунанд;
[2] Ва назди Зарубобил ва сардорони хонаводаҳо омада, ба онҳо
гуфтанд: «Мо ҳамроҳи шумо бино хоҳем кард, чунки мо, мисли
шумо, аз айёми Эсар-Ҳадун, подшоҳи Ашшур, ки моро ба ин ҷо
оварда буд, ба Худои шумо муроҷиат менамоем ва барои Ӯ қурбонӣ
меоварем»+.
[3] Вале Зарубобил ва Ешуа ва дигар сардорони хонаводаҳои Исроил
ба онҳо гуфтанд: «Шумо бо мо хонаи Худои моро бино нахоҳед кард,
балки танҳо мо барои Худованд Худои Исроил, чунон ки подшоҳ
Куруш, подшоҳи Форс, ба мо амр фармудааст, бино хоҳем кард»+.
[4] Ва мардуми он кишвар дастҳои қавми Яҳудоро суст мекарданд
ва онҳоро аз бино кардан метарсониданд;+
[5] Ва бар зидди онҳо мушовиронро киро мекарданд, то ки иқдоми
онҳоро вайрон кунанд, — ин ҳол дар тамоми айёми Куруш, подшоҳи
Форс, то вақти подшоҳии Дорьёвеш, подшоҳи Форс, давом ёфт+.
[6] Ва дар замони подшоҳии Аҳашверӯш, дар ибтидои подшоҳии ӯ,
бӯҳтоне дар ҳаққи сокинони Яҳудо ва Ерусалим навиштанд+.

## Ба Артаҳшасто нома мефиристанд.

[7] Ва дар айёми Артаҳшасто Бишлом, Митредот, Тобъил ва дигар
рафиқони онҳо ба Артаҳшасто, подшоҳи Форс, навиштанд; ин нома
бо хату забони арамӣ навишта ва аз арамӣ тарҷима карда шуда буд+.
[8] Раҳуми фармондеҳ ва Шимшаи котиб номае дар бораи Ерусалим
ба подшоҳ Артаҳшасто ба ин мазмун навиштанд:
[9] «Пас, Раҳуми фармондеҳ ва Шимшаи котиб ва дигар рафиқони
онҳо — диниён ва афарсаткиён, тарфалиён, афрасиён, аркиён,
бобилиён, шушаниён, даҳоиён, эломиён
[10] Ва кабилахои дигаре ки Оснафари* муаззам ва пуршараф
онҳоро кӯчонида, дар шаҳри Сомария ва дар ҷойҳои дигари
Мовароуннаҳр ҷойгир карда буд. Ва алҳол . . .»

11 Ин аст мундариҷаи номае ки ба ӯ фиристодаанд: «Ба подшоҳ
Артаҳшасто — бандагонат, ки сокинони Мовароуннаҳр ҳастем; ва
алҳол,
12 Подшоҳро маълум бод, ки яҳудиёне ки аз ҷониби ту сӯи мо
баромада буданд, ба Ерусалим расиданд, ин шаҳри балвогар ва
шарирро бино мекунанд, ва ҳисорҳоро барпо ва буньёдҳоро
мустаҳкам менамоянд.
13 Алҳол подшоҳро маълум бод, ки агар ин шаҳр бино ёбад, ва
ҳисорҳояш барпо гардад, закот, боҷ ва хироҷ нахоҳанд дод, ва
хазинаи подшоҳ зарар хоҳад дид+.
14 Алҳол, азбаски мо нону намаки қасрро мехӯрем, шоиста нест,
ки мо осебу зиёни подшоҳро бубинем, бинобар ин фиристода,
подшоҳро хабардор намудем.
15 Бигзор дар китоби ёддошти падаронат ҷустуҷӯ намоянд, ва ту аз
китоби ёддошт дарьёфт хоҳӣ кард ва хоҳӣ донист, ки ин шаҳр шаҳри
балвогар ва барои подшоҳон ва мамлакатҳо зараровар аст, ва
андаруни он аз қадимулайём фитна меангехтанд, ба ҳамин сабаб ин
шаҳр хароб гардида буд.
16 Мо подшоҳро огоҳ менамоем, ки агар ин шаҳр бино ёбад, ва
ҳисорҳояш барпо гардад, пас аз он туро насибе дар Мовароуннаҳр
нахоҳад буд».

## Фармони Артаҳшасто.

17 Подшоҳ ба Раҳуми фармондеҳ ва Шимшаи котиб ва дигар
рафиқони онҳо, ки дар Сомария ва ҷойҳои дигари Мовароуннаҳр
иқомат доштанд, ҷавоб фиристод: «Салом! Ва алҳол,
18 Номае ки ба мо фиристодаед, дар ҳузури ман муфассал хонда
шуд;
19 Ва аз ҷониби ман амр фармуда шуд, — ва ҷустуҷӯ намуда,
дарьёфт карданд, ки ин шаҳр аз қадимулайём бар зидди подшоҳон
қиём мекардааст, ва балвою фитнаҳо дар он ба вуқӯъ меомадааст;
20 Ва подшоҳони қавӣ бар Ерусалим будаанд, ва онҳо дар тамоми
Мовароуннаҳр салтанат мерондаанд, ва закот, боҷ ва хироҷ ба онҳо
дода мешудааст;+
21 Пас, фармоне бидиҳед, ки ин одамон корро бас кунанд, ва ин
шаҳр бино наёбад, то даме ки аз ҷониби ман фармоне дода шавад;

[22] Ва эҳтиёт шавед, ки дар ин кор саҳве накунед: чаро ин
вайронкорӣ бар зарари подшоҳон афзун гардад?»
[23] Ҳамин ки ин номаи подшоҳ Артаҳшасто ба ҳузури Раҳум ва
Шимшаи котиб ва рафиқонашон хонда шуд, онҳо фавран ба Ерусалим
назди яҳудиён рафтанд ва бо ҷавру зӯрӣ кори онҳоро хобонданд.
[24] Он гоҳ кори хонаи Худо, ки дар Ерусалим аст, хобонда шуд, ва то
соли дуюми подшоҳии Дорьёвеш қатъ гардид+.

## Бо ҷидду ҷаҳди Ҳаҷҷаи набӣ ва Закарьёи набӣ аз нав ба кор шурӯъ карданд.

5 [1] Ва Ҳаҷҷаи набӣ ва Закарьё ибни Иддӯи набӣ ба яҳудиёне ки
дар Яҳудо ва Ерусалим буданд, ба исми Худои Исроил дар ҳаққи
онҳо нубувват карданд+.
[2] Он гоҳ Зарубобил ибни Шаалтиил ва Ешуа ибни Юсодоқ
бархоста, ба бино кардани хонаи Худо, ки дар Ерусалим аст, шурӯъ
намуданд, ва анбиёи Худо бо онҳо буда, ба онҳо ёварӣ мекарданд+.
[3] Дар он вақт Татнай, волии Мовароуннаҳр, ва Штар-Бузнай, ва
рафиқонашон назди онҳо омада, ба онҳо чунин гуфтанд: «Кист, ки ба
шумо фармон додааст, ки ин хонаро бино кунед ва ин ҳисорро барпо
намоед?»+
[4] Он гоҳ мо ба онҳо номҳои касонеро гуфтем, ки ин иморатро
бино мекарданд.
[5] Ва чашми Худои онҳо бар пирони яҳудиён буд, ва кори онҳо қатъ
карда нашуд, то даме ки ин масъаларо ба Дорьёвеш равона карданд,
ва дар ин бора ҷавобе расид+.

## Хабаркашӣ ба подшоҳ Дорьёвеш.

[6] Ин аст мундариҷаи номае ки Татнай, волии Мовароуннаҳр, ва
Штар-Бузнай ва рафиқонашон, афраксиёне ки дар Мовароуннаҳр
буданд, ба подшоҳ Дорьёвеш фиристодаанд;
[7] Номае ба ӯ фиристодаанд, ва андаруни он чунин навишта
шудааст: «Ба подшоҳ Дорьёвеш осоиштагии комил бод!
[8] Подшоҳро маълум бод, ки мо ба кишвари Яҳудия, ба хонаи
Худои муаззам рафтем; ва он аз сангҳои бузург бино карда мешавад,
ва чӯб бар деворҳояш гузошта мешавад, ва ин кор дар дасти онҳо ба
сурати мукаммал ва бомуваффақият ба ҷо оварда мешавад.
[9] Он гоҳ мо ба пирони онҳо савол дода, гуфтем: „Кист, ки ба шумо
фармон додааст, ки ин хонаро бино кунед ва ин ҳисорро барпо
намоед?“
[10] Ва низ номҳои онҳоро пурсидем, то ба ту хабар диҳем ва
номҳои касонеро, ки ба онҳо сардорӣ мекунанд, бинависем.
[11] Ва онҳо дар ҷавоби мо чунин суханонро гуфтанд: „Мо бандагони
Худои осмон ва замин ҳастем, ва хонаеро бино мекунем, ки чандин

сол пеш аз ин бино ёфта буд, ва подшоҳи бузурги Исроил онро бино
карда ва ба анҷом расонда буд+.
12 Аммо, вақте ки падарони мо Худои осмонро ба ғазаб оварданд, Ӯ
онҳоро ба дасти Набукаднесари калдонӣ, подшоҳи Бобил, таслим
намуд, ки вай ин хонаро хароб кард, ва ин қавмро ба Бобил ба асирӣ
бурд+.
13 Лекин дар соли якуми Куруш, подшоҳи Бобил, подшоҳ Куруш
фармон дод, ки ин хонаи Худоро бино кунанд;+
14 Ва низ зарфҳои тилло ва нуқраи хонаи Худо, ки Набукаднесар аз
маъбади Ерусалим гирифта, ба маъбади Бобил оварда буд, — онҳоро
подшоҳ Куруш аз маъбади Бобил берун оварда, ба Шешбасар ном
шахсе дод, ки варо волӣ таъин намуд+.
15 Ва ба вай гуфт: ин зарфҳоро бардошта бирав ва онҳоро дар
маъбаде ки дар Ерусалим аст, бигузор, ва хонаи Худо дар ҷояш бино
карда шавад+.
16 Пас, ин Шешбасар омада, бунёди хонаи Худоро, ки дар
Ерусалим аст, ниҳод, ва аз он вақт то кунун бино карда мешавад, ва
ҳанӯз анҷом наёфтааст“+.
17 Ва алҳол, агар подшоҳ салоҳ донад, бигзор дар ганҷхонаи
подшоҳ, ки дар Бобил аст, ҷустуҷӯ намоянд, ки оё подшоҳ Куруш
ҳақиқатан фармон дода будааст, ки ин хонаи Худоро дар Ерусалим
бино кунанд; ва иродаи подшоҳ дар ин бора бигзор ба мо фиристода
шавад»+.

## Дорьёвеш фармони Курушро тасдиқ мекунад.

6 1 Он гоҳ подшоҳ Дорьёвеш фармон дод, ва дар китобхонаи
Бобил, ки ганҷҳоро дар он ҷо мегузоштанд, ҷустуҷӯ карданд.
2 Вале дар Аҳмато, дар қасре ки дар кишвари Модай буд, тӯморе
ёфт шуд, ва андаруни он чунин навишта шудааст: «Барои хотира+.
3 Дар соли якуми подшоҳ Куруш, подшоҳ Куруш дар бораи хонаи
Худо дар Ерусалим фармон дод, ки ин хона — ҷое ки қурбониҳо забҳ
карда мешавад, — бино ёбад, ва буньёдаш мустаҳкам бошад;
баландии он шаст зироъ, фарохии он шаст зироъ шавад,
4 Бо се қатор сангҳои бузург ва як қатор чӯби нав; ва харҷаш аз
хонаи подшоҳ дода шавад+.
5 Ва низ зарфҳои тилло ва нуқраи хонаи Худо, ки Набукаднесар
онҳоро аз маъбади Ерусалим гирифта, ба Бобил оварда буд,
баргардонида, ба маъбади Ерусалим, дар ҷои худашон, бурда шаванд,
то ки онҳо дар хонаи Худо гузошта шаванд»+.
6 «Ва алҳол, эй Татнай, волии Мовароуннаҳр, Штар-Бузнай ва
рафиқони шумо, ки дар Мовароуннаҳр мебошанд, аз он ҷо дур
шавед!+
7 Ба кори ин хонаи Худо мудохила накунед: бигзор волии яҳудиён
ва пирони яҳудӣ ин хонаи Худоро дар ҷои он бино кунанд.
8 Ва аз ҷониби ман фармон дода мешавад, ки шумо бо ин пирони
яҳудӣ дар бобати бино кардани ин хонаи Худо чӣ гуна бояд рафтор
намоед: аз молу мулки подшоҳӣ, аз закоти Мовароуннаҳр, фавран ба
ин одамон барои хароҷот дода шавад, то ки корашон лат нахӯрад;+
9 Ва тамоми чизи даркориашон: гӯсолаҳо ва қӯчқорҳо ва барраҳо
аз баҳри курбониҳои сӯхтанӣ барои Худои осмон, гандум, намак,
шароб ва равған, аз рӯи гуфтаи коҳиноне ки дар Ерусалим ҳастанд,
рӯз ба рӯз ба онҳо бекаму кост дода шавад,
10 То ки онҳо ҳадияҳои хушбӯй барои Худои осмон қурбонӣ
намоянд ва барои ҳаёти подшоҳ ва писаронаш дуо гӯянд+.
11 Ва аз ҷониби ман фармон дода мешавад, ки ҳар одаме ки ин
амрро тағьир диҳад, аз хонаи вай ғӯлачӯбе гирифта, вай бар он
бардошта овехта хоҳад шуд, ва хонаи вай ба ин сабаб вайрон карда
хоҳад шуд+.

[12] Ва Худое ки исмаш дар он ҷо сокин аст, ҳар подшоҳ ва қавмро,
ки дасти худро барои тағйир додани ин амр бар зарари ин хонаи
Худо, ки дар Ерусалим аст, дароз мекунад, вожгун хоҳад сохт. Ман,
Дорьёвеш, ин фармонро додаам, то ки фавран ба ҷо оварда шавад».
[13] Он гоҳ Татнай, волии Мовароуннаҳр, Штар-Бузнай ва рафиқони
онҳо мувофиқи он чи подшоҳ Дорьёвеш фиристода буд, фавран амал
карданд+.
[14] Ва пирони яҳудӣ, мувофиқи нубуввати Ҳаҷҷаи набӣ ва Закарьё
ибни Иддӯ, бино мекарданд ва муваффақият меёфтанд; ва бар ҳасби
ҳукми Худои Исроил ва аз рӯи фармони Куруш ва Дорьёвеш ва
Артаҳшасто, подшоҳони Форс, онро бино карданд ва барпо
намуданд+.

## Анҷоми сохтмони маъбад ва тақдис кардани он.

[15] Ва ин хона то рӯзи сеюми моҳи адор, дар соли шашуми
салтанати подшоҳ Дорьёвеш ба анҷом расид+.
[16] Ва банӣ-Исроил, коҳинон, левизодагон ва дигар касоне ки аз
асирӣ баргашта буданд, ин хонаи Худоро бо шодмонӣ тақдис
карданд+.
[17] Ва барои тақдиси ин хонаи Худо сад гов, дусад қӯчқор, чорсад
барра, ва барои кафорати гуноҳҳои тамоми Исроил — мувофиқи
шумораи сибтҳои Исроил — дувоздаҳ нарбуз қурбонӣ карданд.
[18] Ва коҳинонро дар шӯъбаҳошон, ва левизодагонро дар
навбатҳошон ба ибодати Худо дар Ерусалим, бар тибқи он чи дар
китоби Мусо навишта шудааст, таъин карданд+.
[19] Ва онҳое ки аз асирӣ баргашта буданд, иди фисҳро дар рӯзи
чордаҳуми моҳи якум ба ҷо оварданд,+
[20] Зеро ки коҳинон ва левизодагон саросар таҳорат карданд,
ҳамаашон тоҳир шуданд; ва барои ҳамаи онҳое ки аз асирӣ баргашта
буданд, барои бародарони худ коҳинон ва барои худашон барраҳои
фисҳро забҳ карданд+.
[21] Ва банӣ-Исроил, ки аз асирӣ баргашта буданд, ва ҳамаи касоне
ки аз наҷосати халқҳои он замин ҷудо шуда ба онҳо пайваста буданд,
то ба Худованд Худои Исроил рӯ оваранд, онро хӯрданд+.
[22] Ва иди фатирро ҳафт рӯз бо шодмонӣ ба ҷо оварданд, зеро ки
Худованд онҳоро шод кард ва дили подшоҳи Ашшурро ба онҳо моил

намуд, то ки дастҳои онҳоро дар кори хонаи Худо, Худои Исроил, пурзӯр созад+.

## Эзро ба Ерусалим равона мешавад.

**7** [1] Ва баъд аз ин воқеаҳо, дар салтанати Артаҳшасто, подшоҳи
Форс, Эзро ибни Сароё, ибни Азарьё, ибни Ҳилқиё,+
[2] Ибни Шаллум, ибни Содӯқ, ибни Аҳитуб,+
[3] Ибни Амарьё, ибни Азарьё, ибни Мароют,
[4] Ибни Зараҳьё, ибни Уззӣ, ибни Буққӣ,
[5] Ибни Абишуа, ибни Финҳос, ибни Элъозор, ибни Ҳоруни
саркоҳин —+
[6] Ҳамин Эзро аз Бобил берун омад, ва ӯ дар шариати Мусо, ки
Худованд Худои Исроил додааст, китобдони тезфаҳм буд. Ва азбаски
дасти Худованд Худои ӯ бар ӯ буд, подшоҳ ҳар он чи ӯ хост, ба ӯ дод+.
[7] Ва баъзе аз банӣ-Исроил, ва аз коҳинон, ва левизодагон, ва
муғанниён, ва дарбонон, ва тобеон дар соли ҳафтуми подшоҳ
Артаҳшасто баромада, рӯ ба ҷониби Ерусалим карданд.
[8] Ва ӯ дар моҳи панҷум, дар соли ҳафтуми подшоҳ ба Ерусалим
расид.
[9] Зеро ки дар рӯзи якуми моҳи якум хуруҷ аз Бобил оғоз ёфт, ва
чун дасти некӯи Худои ӯ бар ӯ буд, дар рӯзи якуми моҳи панҷум ӯ ба
Ерусалим расид,
[10] Чунки Эзро дили худро ба он моил карда буд, ки Тавроти
Худовандро маънидод кунад, ва онро ба амал оварад, ва фароиз ва
аҳкоми шариатро ба Исроил таълим диҳад+.

## Фармоне ки подшоҳ Артаҳшасто ба Эзро додааст.

[11] Ва ин аст мундариҷаи номае ки подшоҳ Артаҳшасто ба Эзрои
коҳин ва китобдон дод, ки донандаи аҳкоми Худованд ва фароизи Ӯ
бар Исроил буд:
[12] «Шоҳаншоҳ Артаҳшасто ба Эзрои коҳин ва китобдони комили
шариати Худои осмон. Ва алҳол,+
[13] Аз ҷониби ман фармон дода шуд, ки дар мамлакати ман ҳар кас
аз миёни қавми Исроил ва коҳинону левизодагони онҳо, ки розӣ
бошад ҳамроҳи ту ба Ерусалим биравад, — бигзор равад+.
[14] Азбаски ту аз ҷониби подшоҳ ва ҳафт мушовири ӯ фиристода
шудаӣ, то Яҳудия ва Ерусалимро бар тибқи шариати Худои ту, ки дар
дасти туст, тафаққуд намоӣ,+

15 Ва нуқраю тиллоеро, ки подшоҳ ва мушовиронаш барои Худои
Исроил, ки масканаш дар Ерусалим аст, хайрот кардаанд, бибарӣ,+
16 Ва низ тамоми нуқраю тиллоеро, ки ту дар тамоми кишвари
Бобил ба даст оварӣ, бо якҷояги хайроте ки қавм ва коҳинон барои
хонаи Худои худ, ки дар Ерусалим аст, додаанд, —
17 Пас фавран ба ин пул говон, қӯчқорон, баррагон ва ҳадияҳои
ордӣ ва рехтании онҳоро бихар, ва онҳоро бар қурбонгоҳи хонаи
Худои шумо, ки дар Ерусалим аст, забҳ намо+.
18 Ва ҳар он чи ба назари ту ва бародаронат писанд ояд, ки бо
бақияи нуқра ва тилло бикунед, — бар тибқи иродаи Худои худ
бикунед.
19 Ва зарфҳоеро, ки ба ту барои ибодати хонаи Худои ту дода
шудааст, ба ҳузури Худои Ерусалим бигузор.
20 Ва лавозимоти дигари хонаи Худои туро, ки ба додани он ту
вазифадор бошӣ, — аз ганҷхонаи подшоҳ бидеҳ.
21 Ва аз ҷониби ман, ки подшоҳ Артаҳшасто ҳастам, ба ҳамаи
хазинадорони Мовароуннаҳр фармон дода шудааст, ки ҳар он чи
Эзрои коҳин ва китобдони шариати Худои осмон аз шумо талаб
кунад, фавран бояд ба ҷо оварда шавад:
22 То сад киккар нуқра, ва то сад кӯр гандум ва то сад бат* шароб,
ва то сад бат равған, ва аз намак — ҳар қадаре ки хоҳанд.
23 Ҳар он чи бар тибқи аҳкоми Худои осмон бошад, бояд барои
хонаи Худои осмон бекаму кост ба ҷо оварда шавад, зеро чаро ғазабе
бар салтанати подшоҳ ва писаронаш нозил шавад?
24 Ва шуморо огоҳ менамоям, ки бар ҳамаи коҳинон ва
левизодагон, муғанниён, дарбонон, тобеон ва ходимони ин хонаи
Худо закот, боҷ ва хироҷ андохтан лозим нест+.
25 Ва ту, эй Эзро, бар тибқи ҳикмати Худои ту, ки дар дасти туст,
доварон ва қозиёнро таъин намо, то бар тамоми қавме ки дар
Мовароуннаҳр мебошанд, — бар ҳамаи онҳое ки шариати Худои туро
медонанд, доварӣ кунанд; ва онҳоеро, ки намедонанд, таълим
диҳед+.
26 Ва ҳар кӣ мувофиқи шариати Худои ту ва мувофиқи қонуни
подшоҳ рафтор накунад, бигзор фавран бар вай доварӣ намуда хукм

кунанд: ё ба қатл, ё ба бадарға, ё ба мусодираи молу мулк ва ё ба ҳабс».
[27] Муборак аст Худованд Худои падарони мо, ки ин майлро дар
дили подшоҳ ҷойгир кардааст, ки хонаи Худовандро, ки дар
Ерусалим аст, зинат диҳад,
[28] Ва маро дар ҳузури подшоҳ ва мушовирони вай, ва ҳамаи
мирони пуриқтидори подшоҳ сазовори марҳамат гардондааст, ва
ман бар тибқи дасти Худованд Худои ман, ки бар ман буд, қувват
гирифтам ва аз миёни Исроил сардоронро ҷамъ овардам, то ки
ҳамроҳи ман бароянд.

## Номгӯи ҳамроҳони Эзро.

**8** 1 Ва инҳоянд сардорони хонаводаҳо ва насабномаи онҳое ки дар салтанати подшоҳ Артаҳшасто ҳамроҳи ман аз Бобил баромаданд:

2 Аз зодагони Финҳос — Ҷершум; аз зодагони Итомор — Дониёл; аз зодагони Довуд — Ҳаттуш;+

3 Аз зодагони Шаканьё, аз зодагони Фаръуш — Закарьё ва бо ӯ саду панҷоҳ нафар аз мардон ба насабнома дароварда шудаанд;+

4 Аз зодагони ҳокими Мӯоб — Эльёҳуэнай ибни Зараҳьё, ва бо ӯ дусад нафар аз мардон;+

5 Аз зодагони* . . . — Шаканьё ибни Яҳазиил, ва бо ӯ сесад нафар аз мардон;

6 Ва аз зодагони Один — Обид ибни Юнотон, ва бо ӯ панҷоҳ нафар аз мардон;

7 Ва аз зодагони Элом — Ишаъё ибни Аталье, ва бо ӯ ҳафтод нафар аз мардон;

8 Ва аз зодагони Шафатьё — Забадьё ибни Микоил, ва бо ӯ ҳаштод нафар аз мардон;

9 Аз зодагони Юоб — Убадьё ибни Еҳиил, ва бо ӯ дусаду ҳаждаҳ нафар аз мардон;

10 Ва аз зодагони* . . . — Шалумит ибни Юсифьё, ва бо ӯ саду шаст нафар аз мардон;+

11 Ва аз зодагони Бебай — Закарьё ибни Бебай, ва бо ӯ бисту ҳашт нафар аз мардон;+

12 Ва аз зодагони Азҷод — Юҳонон ибни Ҳақоттон, ва бо ӯ саду даҳ нафар аз мардон;

13 Ва аз зодагони Адуниқом — касони охиринашон, ва ин аст номҳои онҳо: Элифолат, Яиил ва Шамаъё, ва бо онҳо шаст нафар аз мардон;

14 Ва аз зодагони Биҷвай — Утай ва Заккур, ва бо онҳо ҳафтод нафар аз мардон.

## Эзро левизодагон ва тобеонро даъват менамояд.

15 Ва онҳоро назди наҳре ки ба Аҳаво ҷорӣ мешавад, ҷамъ овардам, ва дар он ҷо се рӯз истодем, ва чун қавм ва коҳинонро аз назар

гузарондам, аз зодагони Леви̣ дар он ҷо наёфтам.
[16] Ва назди Элиэзер, Ариэл, Шамаъё, Элнотон, Ёриб, Элнотон, Нотон, Закарьё ва Машуллом, ки сардор буданд, ва назди Юриб ва Элнотон, ки омӯзгор буданд, фиристодам,+
[17] Ва онҳоро назди Иддӯ, ки дар мавзеи Каспиё сардор буд, равона кардам, ва ба даҳонашон суханонеро гузоштам, ки бояд ба Иддӯ ва бародаронаш — тобеони мавзеи Каспиё — бигӯянд, то ки хизматгузоронро барои хонаи Худои мо назди мо биёранд.
[18] Ва азбаски дасти некӯи Худои мо бар мо буд, онҳо марди хирадмандеро аз зодагони Маҳли̣ ибни Леви̣ ибни Исроил барои мо оварданд, яъне Шарибьёро бо писаронаш ва бародаронаш, ки ҳаждаҳ нафар буданд;+
[19] Ва Ҳашабьёро, ва бо ӯ аз зодагони Марори̣ Ишаъёро, ва бародарони ӯ ва писарони онҳоро, ки бист нафар буданд;+
[20] Ва аз тобеон, ки Довуд ва мирон барои хизмати левизодагон дода буданд, дусаду бист нафар тобеон, ки ҳамаашон номбар шудаанд+.

## Эълон кардани рӯзадори̣ назди наҳри Аҳаво.

[21] Ва дар он ҷо, назди наҳри Аҳаво, ман рӯзадори̣ эълон кардам, то ки дар ҳузури Худои мо тавозӯъ намуда, аз Ӯ барои худамон ва барои кӯдаконамон ва барои тамоми молу мулкамон роҳи рост талаб кунем,+
[22] Зеро ман ор донистам, ки аз подшоҳ сарбозон ва саворон талаб кунам, то ки моро дар роҳ аз душман нигаҳбони̣ кунанд, чунки мо ба подшоҳ сухан ронда, гуфта будем: «Дасти Худои мо ба ҳар касе ки ба Ӯ рӯ меоварад, ба некӯист, вале қудрати Ӯ ва ғазаби Ӯ бар зидди ҳамаи онҳоест, ки Ӯро тарк мекунанд».
[23] Ва мо рӯза доштем ва аз Худои мо дар ин бора талаб кардем, ва Ӯ моро иҷобат намуд.

## Ионатҳо барои маъбад ба дасти дувоздаҳ коҳин супурда шуд.

[24] Ва дувоздаҳ нафар аз сардорони коҳинон: Шарибьё, Ҳашабьё ва бо онҳо аз бародаронашон даҳ нафарро ҷудо кардам,+
[25] Ва нуқра ва тилло ва зарфҳои ионати хонаи Худои моро, ки подшоҳ ва мушовиронаш ва ҳамаи исроилиёни он ҷо ионат карда

буданд, ба онҳо баркашида додам,+
26 Ва баркаш карда ба дасташон супурдам: шашсаду панҷоҳ киккар
нуқра; ва, илова бар он, сад киккар зарфҳои нуқра; сад киккар тилло;
27 Ва бист тоси тилло, илова бар ҳазор дирҳам; ва ду зарфи миси
покиза ва зебо, ки мисли тилло гаронбаҳо буд.
28 Ва ба онҳо гуфтам: «Шумо барои Худованд муқаддас мебошед,
ва ин зарфҳо низ муқаддас аст, ва ин нуқра ва тилло ионат аст барои
Худованд Худои падарони шумо.
29 Пас, ҳушьёр бошед ва нигаҳбонӣ намоед, то даме ки ба ҳузури
сардорони коҳинон ва левизодагон ва сардорони хонаводаҳои
Исроил дар Ерусалим ба ҳуҷраҳои хонаи Худованд баркаш карда
бисупоред».
30 Ва коҳинону левизодагон нуқра ва тилло ва зарфҳоро бо баркаш
қабул карданд, то ки ба Ерусалим, ба хонаи Худои мо биёранд.

## Ба Ерусалим омадани Эзро.

31 Ва дар рӯзи дувоздаҳуми моҳи якум аз наҳри Аҳаво роҳсипор
шудем, то ба Ерусалим биравем, ва дасти Худои мо бар мо буд, ва
моро аз дасти душманон ва роҳзанон халос кард.
32 Ва чун ба Ерусалим расидем, се рӯз дар он ҷо истодем+.
33 Ва дар рӯзи чорум нуқра ва тилло ва зарфҳо дар хонаи Худои мо
бо баркаш ба дасти Маримут ибни Уриёи коҳин супурда шуд, ва
Элъозор ибни Финҳос бо вай буд, ва левизодагон Юзобод ибни Ешуа
ва Нуадьё ибни Бинуй бо онҳо буданд;+
34 Ҳамааш шумурда ва баркаш карда шуд, ва тамоми баркаш дар он
вақт навишта шуд.
35 Ҷалои ватан шудагоне ки аз асирӣ баргашта буданд, барои
Худои Исроил қурбониҳои сӯхтанӣ забҳ карданд: дувоздаҳ гов барои
тамоми Исроил; наваду шаш қӯчқор; ҳафтоду ҳафт барра; дувоздаҳ
нарбуз барои кафорати гуноҳҳо; ҳамаи инҳо қурбонии сӯхтанӣ барои
Худованд буд+.
36 Ва фармонҳои подшоҳро ба ҳокимони подшоҳ ва ба волиёни
Мовароуннаҳр доданд, ва инҳо қавм ва хонаи Худоро ёварӣ
карданд+.

## Дар бораи завҷаҳои аҷнабӣ.

# 9

1 Ва баъд аз анҷоми ин корҳо, сардорон назди ман омада, гуфтанд: «Қавми Исроил ва коҳинон ва левизодагон худро аз қавмҳои кишварҳо ҷудо накарданд, балки мисли амалҳои зишти канъониён, ҳиттиён, фариззиён, ябусиён, аммӯниён, мӯобиён, мисриён ва амӯриён амал карданд,

2 Чунки аз духтарони онҳо барои худашон ва барои писаронашон зан гирифта, зурьёти муқаддасро бо қавмҳои кишварҳо омехтанд, ва сарварону мансабдорон дар ин бадкирдорӣ пешдастӣ мекарданд»+.

3 Ҳамин ки ин гапро шунидам, пероҳан ва ҷомаи худро пора кардам, ва мӯйсару риши худро кандам ва моту мабҳут шуда нишастам.

4 Ва ҳамаи онҳое ки аз суханони Худои Исроил ба сабаби ин бадкирдории ҷалои ватан шудагон метарсиданд, назди ман ҷамъ шуданд, ва ман то вақти қурбонии шом моту мабҳут шуда нишастам+.

## Дуои Эзро ва изҳори эътиқоди ӯ.

5 Ва чун вақти қурбонии шом фаро расид, аз рӯзадории худ бархостам ва дар ҳолате ки пероҳан ва ҷомаам порапора буд, ба зону афтодам ва даст ба сӯи Худованд Худои худ бардоштам,+

6 Ва гуфтам: «Эй Худои ман! Аз бардоштани рӯи худ ба сӯи Ту, эй Худои ман, шарм ва хиҷолат дорам, зеро ки гуноҳҳои мо бисьёр шуда аз сар гузаштааст, ва маъсияти мо афзуда, то ба осмон расидааст+.

7 Мо аз айёми падарони худ то имрӯз дар маъсияти бузург мебошем ва ба сабаби гуноҳҳои худ — мо, подшоҳони мо, коҳинони мо — ба дасти подшоҳони кишварҳо, ба дами шамшер, ба асирӣ, ба тороҷ ва ба нанг таслим карда шудаем, чунон ки имрӯз низ ҳамин тавр аст+.

8 Ва алҳол, як лаҳза, шафқате аз ҷониби Худованд Худои мо зоҳир шуда, Ӯ бақияе аз мо боқӣ гузоштааст ва ба мо ато фармудааст, ки дар макони муқаддаси Ӯ ҷойгир шавем; ва Худои мо чашмони моро равшан карда, андак ҷое ба мо додааст, то ки дар он дар бандагии худ умр ба сар барем+.

[9] Зеро ки мо бандагонем, вале Худои мо дар бандагии мо ҳам
моро тарк накардааст, балки марҳамати худро пеши подшоҳони
Форс бар мо нигаронидааст: ба мо ато фармудааст, ки умр ба сар
бурда, хонаи Худои моро барпо намоем ва харобазори онро аз нав
барқарор кунем, ва Ӯ дар Яҳудо ва Ерусалим қалъае ба мо
бахшидааст+.
[10] Ва алҳол, эй Худои мо, баъд аз ин чӣ гӯем? Зеро ки аҳкоми Туро
тарк кардаем, —
[11] Аҳкомеро, ки Ту ба воситаи бандагони Худ анбиё амр фармуда,
гуфтаӣ: „Замине ки шумо барои тасарруфи он меравед, заминест, ки
аз наҷосати қавмҳои кишварҳо наҷис шудааст, ва онҳо онро бо
корҳои зишти худ, бо мурдории худ сар то сар пур кардаанд.
[12] Бинобар ин, духтарони худро ба писарони онҳо надиҳед, ва
духтарони онҳоро барои писарони худ нагиред, ва осоиштагӣ ва
хушбахтии онҳоро то ба абад талаб накунед, то ки мустаҳкам шавед,
ва нозу неъмати ин заминро бихӯред, ва онро ба писарони худ то ба
абад мерос бигузоред“.
[13] Ва баъд аз ҳамаи ин бадбахтиҳое ки ба сабаби аъмоли бади мо
ва маъсияти бузурги мо ба сари мо омадааст, — гарчанде ки Ту, эй
Худои мо, ҷазои гуноҳҳои моро кам карда, ба мо чунин халосие
додаӣ, —+
[14] Наход ки мо боз аҳкоми Туро поймол намуда, бо ин қавмҳои
зишткор хешовандӣ пайдо кунем? Оё Ту бар мо ғазаб нахоҳӣ кард, то
ба дараҷае ки моро тамоман маҳв намоӣ, бе он ки бақияе ва халосие
бимонад?
[15] Худовандо, Худои Исроил! Ту одил ҳастӣ, зеро ки бақияе аз мо
мисли имрӯз саломат мондаанд; инак мо ба ҳузури Ту дар маъсияти
худ ҳозирем, гарчанде ки ба сабаби ин ба ҳузури Ту истодагӣ кардан
мумкин нест»+.

## Аз нав барқарор гардидани ҷараёни мӯътадили ҳаёт.

# 10

1 Ва ҳангоме ки Эзро дуо мегуфт ва эътироф ба гуноҳ
менамуд, дар ҳолате ки гирья мекард ва пеши хонаи Худо рӯ ба
замин афтода буд, гурӯҳи бисьёр калони исроилиён, мардону занону
кӯдакон, назди ӯ ҷамъ шуданд, ба тавре ки қавм низ зор-зор
мегиристанд+.
2 Ва Шаканьё ибни Еҳиил, ки аз зодагони Элом буд, ҷавоб
гардонда, ба Эзро гуфт: «Мо пеши Худои худ бадкирдорӣ карда,
занони аҷнабие аз қавмҳои он замин гирифтаем, ва алҳол барои
Исроил дар ин бобат ҳанӯз умеде ҳаст.
3 Пас, бо Худои худ аҳд бандем, ки ҳамаи ин занонро бо бачагоне
ки аз онҳо таваллуд ёфтаанд, мувофиқи машварати оғоям ва онҳое
ки аз аҳкоми Худои мо метарсанд, бадар ронем, — ва бигзор аз рӯи
шариат шавад!+
4 Бархез, чунки ин кори туст, ва мо бо ту мебошем; қавӣ бош ва
амал намо!»
5 Ва Эзро бархост, ва сардорони коҳинон, левизодагон ва тамоми
Исроилро қасам дод, ки ҳамин тавр амал кунанд, — ва онҳо қасам
хӯрданд+.
6 Ва Эзро аз пеши хонаи Худо бархоста, ба ҳуҷраи Еҳӯҳонон ибни
Эльёшиб рафт, — ва дар он ҷо нон нахӯрд ва об нанӯшид, зеро ки ба
сабаби бадкирдории ҷалои ватан шудагон мотам гирифта буд+.
7 Ва дар Яҳудо ва Ерусалим ба ҳамаи ҷалои ватан шудагон эълон
карданд, ки дар Ерусалим ҷамъ шаванд.
8 Ва ҳар касе ки дар зарфи се рӯз мувофиқи машварати сардорон
ва пирон набиёяд, тамоми молу мулкаш таҳрим намуда, худаш аз
ҷамоати ҷалои ватан шудагон хориҷ карда хоҳад шуд.
9 Ва дар рӯзи сеюм, ки рӯзи бистуми моҳи нӯҳум буд, тамоми
мардуми Яҳудо ва Биньёмин дар Ерусалим ҷамъ шуданд. Ва тамоми
қавм дар майдони назди хонаи Худо нишастанд, дар ҳолате ки аз ин
гап ва аз борон меларзиданд.
10 Ва Эзрои коҳин бархоста, ба онҳо гуфт: «Шумо бадкирдорӣ
намуда ва занони аҷнабӣ гирифта, маъсияти Исроилро бо ин зиёд
кардаед.

11 Ва алҳол ба ҳузури Худованд, Худои падарони худ, тавба карда,
мувофиқи иродаи Ӯ амал кунед, ва худро аз қавмҳои замин ва аз
занони аҷнабӣ ҷудо кунед».
12 Ва тамоми ҷамоат бо овози баланд ҷавоб гардонда, гуфтанд:
«Оре! Чунон ки ту гуфтӣ, ҳамон тавр амал хоҳем кард.
13 Аммо чунин одамон бисьёранд, ва мавсими боронҳост, ва
маҷоли дар кӯча истодан надорем, ва ин кор барои як рӯзу ду рӯз
нест, зеро ки бисьёр касон дар ин бобат гуноҳ кардаанд.
14 Бигзор сардорони мо ба ҷои тамоми ҷамоат биистанд, ва ҳамаи
онҳое ки дар шаҳрҳои мо занҳои аҷнабӣ гирифтаанд, дар вақтҳои
муайян биёянд, ва бо онҳо пирони ҳар шаҳр ва доваронаш биёянд, то
оташи ғазаби Худои мо барои ин кор аз мо дур шавад».
15 Фақат Юнотон ибни Асоил ва Еҳзиё ибни Тиқво барои иҷрои ин
кор монданд, ва Машуллом ва Шабтаи левизода мададгори онҳо
буданд+.
16 Ва ҷалои ватан шудагон ҳамин тавр амал карданд, ва Эзрои
коҳин ва баъзе касон, яъне сардорони хонаводаҳо аз ҳар хонавода,
ҷудо карда шуданд, ва ҳамаашон номбар гардиданд, ва дар рӯзи
якуми моҳи даҳум ба муҳокимаи ин кор нишастанд.
17 Ва кори ҳамаи мардонеро, ки занони аҷнабӣ гирифта буданд, то
рӯзи якуми моҳи якум анҷом доданд.
18 Ва аз зодагони коҳинон баъзе ёфт шуданд, ки занони аҷнабӣ
гирифта буданд: аз зодагони Ешуа ибни Юсодоқ ва бародаронаш —
Маасиё, Элиэзер, Ёриб ва Ҷадальё;+
19 Ва онҳо дасти паймон доданд, ки занони худро бадар хоҳанд
ронд, ва гуноҳкорон қӯчқоре барои қурбонии гуноҳи худ оварданд;+
20 Ва аз зодагони Иммир — Ҳанонӣ ва Забадьё;+
21 Ва аз зодагони Ҳорим — Маасиё, Элиё, Шамаъё ва Узиё;+
22 Ва аз зодагони Фашҳур — Эльюэнай, Маасиё, Исмоил, Натанъил,
Юзобод ва Элъосо;+
23 Ва аз левизодагон: Юзобод, Шимъӣ, Калоё, ки Қалито бошад,
Фатаҳьё, Яҳудо ва Элиэзер;
24 Ва аз муғанниён: Эльёшиб; ва аз дарбонон Шаллум, Толам ва
Урӣ;+
25 Ва аз исроилиён: аз зодагони Фаръуш Рамьё, Изиё, Малкиё,
Мийёмин, Элъозор, Малкиё ва Баноё;+

26 Ва аз зодагони Элом — Маттаньё, Закарьё, Еҳиил, Абдӣ, Иремут
ва Элиё;
27 Ва аз зодагони Затту — Эльюэнай, Эльёшиб, Маттаньё, Иремут,
Зобод ва Азизо;
28 Ва аз зодагони Бебай — Еҳуҳонон, Ҳананьё, Заббай ва Атлой;+
29 Ва аз зодагони Бонӣ — Машуллом, Маллук, Адоё, Ёшуб, Шаол ва
Ромут;+
30 Ва аз зодагони ҳокими Мӯоб — Адно, Калол, Баноё, Маасиё,
Маттаньё, Басалъил, Биннуй ва Менашше;+
31 Ва аз зодагони Ҳорим — Элиэзер, Ишиё, Малкиё, Шамаъё,
Шимъӯн,
32 Биньёмин, Маллук ва Шамарьё;
33 Аз зодагони Ҳошум — Матнай, Мататто, Зобод, Элифолат,
Иремай, Менашше ва Шимъӣ;
34 Аз зодагони Бонӣ — Маадай, Амром, Уил,
35 Баноё, Бедьё, Калуҳу,
36 Ваньё, Маримут, Эльёшиб,
37 Маттаньё, Матнай, Ясой,
38 Бонӣ, Биннуй, Шимъӣ,
39 Шаламьё, Нотон, Адоё,
40 Макнадбай, Шошай, Сорой,
41 Азаръил, Шаламьёҳу, Шамарьё,
42 Шаллум, Амарьё, Юсуф;
43 Аз зодагони Набу — Еиил, Матитьё, Зобод, Забино, Яддай, Юил ва
Баноё.
44 Ҳамаи онҳо занони аҷнабӣ гирифта буданд; ва баъзе аз онҳо
заноне доштанд, ки бача зоида буданд.

---

* 2:69 **Дирҳам** — сиккаи тилло, ки Дорьёвеши Якум баровarда буд; тақрибан 8,64 грамм вазн дошт.

* 2:69 **Мино** — сиккаи нуқраи Форс, ки вазнаш 560 грамм буд.

* 4:10 Набераи подшоҳ Санҳериб — Ашшурбанифал дар назар дошта шудааст.

* 7:22 **Бат** — андозаи вазни моеот, ки тақрибан чил литр буд.

* 8:5 Дар ин ҷо номи хонавода афтодааст.

* 8:10 Дар ин ҷо номи хонавода афтодааст.

---

● 1:1 *2 Вак. 36:22-23*

\+ 1:1 Ирм. 29:10, Иш. 44:28, Иш. 45:1, Дон. 6:28, Эзр. 5:13

\+ 1:2 Иш. 44:28

\+ 1:7 4 Подш. 24:13, 2 Вак. 36:7

\+ 1:8 Эзр. 5:14

● 2:1 *Наҳ. 7:6-73*

\+ 2:1 4 Подш. 24:14-16, 4 Подш. 25:11, 2 Вак. 36:20

\+ 2:2 Эзр. 3:2, Наҳ. 12:1, Наҳ. 10:14-26

\+ 2:3 Эзр. 8:3, Эзр. 10:25

\+ 2:34 Наҳ. 3:2

+ 2:35 Нах. 3:3

+ 2:36 1 Вақ. 24:7

+ 2:37 Эзр. 10:20

+ 2:38 1 Вақ. 9:12, Эзр. 10:22

+ 2:39 Эзр. 10:21

+ 2:40 Нах. 10:9

+ 2:41 Эзр. 10:24, 1 Вақ. 6:39

+ 2:42 1 Вақ. 9:17

+ 2:43 1 Вақ. 9:2, Нах. 11:3

+ 2:55 Нах. 11:3

+ 2:61 2 Подш. 17:27, 2 Подш. 19:31

+ 2:63 Иб. 22:2

+ 3:1 Нах. 8:1

+ 3:2 Нах. 12:1, Зак. 3, 1 Вақ. 3:17, 1 Вақ. 3:19, Нах. 12:1, Ҳач. 1:1, Ҳач. 2:20-23, Зак. 4:6-10, Хур. 27:1, Так. Шар. 33:1, Заб. 89:1, Так. Шар. 12:5-6

+ 3:3 Эзр. 4:4, Хур. 29:38

+ 3:4 Ад. 29:12-38

+ 3:5 Ад. 28:1-15, Ад. 29:39

+ 3:7 2 Вак. 2:16

+ 3:8 1 Вақ. 23:24, 2 Вак. 31:17

+ 3:9 Наҳ. 10:9

+ 3:10 Зак. 4:9, 1 Вақ. 16:4-6, 1 Вақ. 25:1-2

+ 3:11 1 Вақ. 16:34, 2 Вак. 5:13, Заб. 105:1

+ 3:12 Ҳач. 2:3

+ 4:2 Эзр. 3:2, 4 Подш. 19:37, Иш. 37:38, 4 Подш. 17:24-41

+ 4:3 Эзр. 1:1-3

+ 4:4 Эзр. 3:3

+ 4:5 Эзр. 4:24, Ҳач. 1:1

+ 4:6 Эст. 1:1, Дон. 9:1

+ 4:7 Эзр. 7:1, Наҳ. 2:1, 4 Подш. 18:26, Иш. 36:11, Дон. 2:4

+ 4:13 Эзр. 4:20, Эзр. 7:24, Эст. 3:8, Аъм. 16:20

+ 4:20 3 Подш. 4:21, Заб. 71:8, Так. Шар. 15:6

+ 4:24 Эзр. 4:5

+ 5:1 Ҳаҷ. 1:1, Зак. 1:1

+ 5:2 Эзр. 3:2, Зак. 3:1, Эзр. 6:14, Ҳаҷ. 1:11, Зак. 4:6

+ 5:3 Эзр. 6:6, Эзр. 6:13

+ 5:5 Заб. 32:18

+ 5:11 3 Подш. 6:1

+ 5:12 2 Вак. 36:16-17, 4 Подш. 25:8-11

+ 5:13 Эзр. 1:2

+ 5:14 Эзр. 1:7, Эзр. 1:8

+ 5:15 Эзр. 6:5

+ 5:16 Эзр. 3:8, Эзр. 3:10

+ 5:17 Эзр. 6:1-2

+ 6:2 4 Подш. 17:6

+ 6:4 3 Подш. 6:36

+ 6:5 Эзр. 1:7, Эзр. 5:14-15

+ 6:6 Эзр. 5:3

+ 6:8 Эзр. 7:13, Эзр. 7:21

+ 6:10 Ирм. 29:7, 1 Тим. 2:2

+ 6:11 Дон. 2:5, Дон. 3:29

+ 6:13 Эзр. 5:3

+ 6:14 Эзр. 5:1-2, Ҳач. 1:11, Зак. 4:6, Эзр. 1:2, Эзр. 6:12, Эзр. 4:7, Эзр. 7:13

+ 6:15 Эст. 3:7

+ 6:16 3 Подш. 8:63-65, 2 Вак. 7:5-8

+ 6:18 Ад. 3:6, Ад. 8:9-11, 1 Вақ. 24, 2 Вак. 35:5

+ 6:19 Хур. 12:1-13

+ 6:20 Иб. 21:6, 2 Вак. 30:15

+ 6:21 Наҳ. 9:2, Наҳ. 10:28, Наҳ. 13:3

+ 6:22 Хур. 12:15, Хур. 13:6

+ 7:1 Наҳ. 2:1, 4 Подш. 25:18, Ирм. 52:24

+ 7:2 2 Подш. 8:17, 2 Подш. 15:24

+ 7:5 Ад. 25:7-13, Еҳ. 24:33, Ад. 20:28, 1 Вақ. 6:4-14, 1 Вақ. 6:50-53

+ 7:6 Наҳ. 8:1, Наҳ. 12:26

+ 7:10 Так. Шар. 17:9-11, Так. Шар. 33:10

+ 7:12 Ҳиз. 26:7, Дон. 2:37, Ваҳй 17:14

+ 7:13 Эзр. 6:8

+ 7:14 Эст. 1:14

+ 7:15 2 Вак. 6:2

+ 7:17 Так. Шар. 12:5-6

+ 7:24 Эзр. 4:13, Эзр. 4:20

+ 7:25 Хур. 18:21, Так. Шар. 16:18

+ 8:2 Эзр. 7:5, Хур. 6:23, Ад. 3:4, Иб. 10:6, 1 Вақ. 24:3-4, 1 Вақ. 3:22, Наҳ. 10:4

+ 8:3 Эзр. 2:3, Наҳ. 7:8

+ 8:4 Эзр. 10:30

+ 8:10 Эзр. 10:29

+ 8:11 Эзр. 10:28

+ 8:16 Эзр. 10:15

+ 8:18 1 Вақ. 6:19, Наҳ. 12:24

+ 8:19 Нах. 12:24, 1 Вақ. 6:16

+ 8:20 Эзр. 2:43, Эзр. 7:7

+ 8:21 Заб. 5:9, Иб. 16:28, 2 Вақ. 20:3

+ 8:24 Эзр. 8:18-19

+ 8:25 Эзр. 7:15-16

+ 8:32 Нах. 2:11

+ 8:33 Нах. 3:4, Нах. 3:21, Нах. 11:16

+ 8:35 Эзр. 2:1

+ 8:36 Эзр. 7:21, Нах. 2:7

+ 9:2 Хур. 34:15-16, Так. Шар. 7:3-4, Нах. 13:23, Так. Шар. 7:6, Заб. 105:35

+ 9:4 Иш. 66:2, Иш. 66:5

+ 9:5 3 Подш. 8:22

+ 9:6 Заб. 37:5, 2 Вак. 28:9, Ваҳй 18:5

+ 9:7 Заб. 105:6, Дон. 9:5-6

+ 9:8 Заб. 12:4, Заб. 18:9

+ 9:9 Нах. 9:36

+ 9:13 Заб. 102:10

+ 9:15 Нах. 9:33

+ 10:1 Нах. 1:6, Дон. 9:20

+ 10:3 2 Вак. 34:31, Нах. 9:38, Так. Шар. 7:3

+ 10:5 Нах. 5:12

+ 10:6 Нах. 3:1, Нах. 12:22, Эст. 4:16

+ 10:15 Эзр. 8:16, Нах. 11:16

+ 10:18 Эзр. 3:2

+ 10:19 Иб. 6:6

+ 10:20 Эзр. 2:37

+ 10:21 Эзр. 2:39

+ 10:22 Эзр. 10:38

+ 10:24 Эзр. 2:41

+ 10:25 Эзр. 2:3, Нах. 7:8

+ 10:28 Эзр. 8:11

+ 10:29 Эзр. 8:10

+ 10:30 Эзр. 8:4

*КИТОБИ*

# НАҲЕМЬЁ


1 2 3 4 5 6 7 8 9 10

11 12 13

## Наҳемьё аз мусибати онҳое ки дар Ерусалим боқӣ мондаанд, воқиф мегардад.

# 1

1 Суханони Наҳемьё ибни Ҳакальё. Дар моҳи кислев, дар соли бистум, вақте ки ман дар Шушани пойтахт будам, чунин воқеъ шуд,+

2 Ки Ҳононӣ, яке аз бародаронам, омад, ва бо ӯ касоне чанд аз Яҳудо буданд; ва ман аз онҳо дар бораи яҳудиёни растагор, ки аз асирӣ боқӣ монда буданд, ва дар бораи Ерусалим пурсупос намудам+.

3 Ва онҳо ба ман гуфтанд: «Боқӣ мондагон, — онҳое ки аз асирӣ боқӣ мондаанд, — он ҷо, дар мамлакат, дар мусибати бузург ва дар хорузорӣ мебошанд; ва ҳисори Ерусалим хароб шудааст, ва дарвозаҳояш ба оташ сӯхтааст»+.

4 Ва ҳамин ки ин суханонро шунидам, нишаста, гирья кардам ва чандин рӯз мотам гирифтам, ва рӯза дошта, ба ҳузури Худои осмон дуо хондам,

## Дуои Наҳемьё.

5 Ва гуфтам: «Лутфан, эй Худованд, Худои осмон, Худои азим ва саҳмгин, ки аҳд ва марҳаматро бар онҳое ки Туро дӯст медоранд ва аҳкоми Туро ба ҷо меоваранд, нигоҳ медорӣ!+

6 Хоҳишмандам, ки гӯшҳои Ту бодиққат ва чашмони Ту воз бошад, то дуои бандаи худро, ки ман ба ҳузури Ту дар ин вақт, рӯзона ва шабона, дар бораи бандагонат банӣ-Исроил мегӯям, бишнавӣ, ва ман гуноҳҳои банӣ-Исроилро, ки пеши Ту ба амал овардаем, эътироф менамоям: ҳам ман ва ҳам хонадони падари ман гуноҳ кардаем+.

7 Мо пеши Ту гуноҳкор шудаем, ва аҳкому фароизу дастурҳоеро, ки ба бандаи Худ Мусо фармудаӣ, риоят накардаем+.

8 Аммо каломеро, ки ба бандаи Худ Мусо амр фармудаӣ, ба ёд овар, ки гуфтаӣ: „Агар шумо хиёнат намоед, Ман шуморо дар миёни қавмҳо пароканда хоҳам кард;+

9 Ва ҳар гоҳ ба сӯи ман руҷӯъ намоед, ва аҳкоми Маро риоят кунед ва онҳоро ба ҷо оваред, ҳатто агар парокандагони шумо дар ақсои осмон бошанд ҳам, онҳоро аз он ҷо ҷамъ хоҳам кард ва ба маконе ки

онро баргузидаам, то исми Худро дар он ҷо сокин гардонам, хоҳам овард“+.
10 Ва онҳо, охир, бандагони Ту ва қавми Ту ҳастанд, ки онҳоро бо
қуввати азими Худ ва бо дасти қавии Худ раҳонидаӣ!+
11 Лутфан, эй Худованд! Хоҳишмандам, ки гӯши Ту ба дуои
бандаат ва ба дуои бандагонат, ки муштоқони ҷалоли исми Ту ҳастанд, бодиққат бошад; ва хоҳишмандам, ки бандаи Худро имрӯз комьёб созӣ, ва ӯро ба ҳузури ин шахс сазовори марҳамат гардонӣ». — Ва ман соқии подшоҳ будам+.

## Артаҳшасто Наҳемьёро ба Ерусалим мефиристад.

2 [1] Ва дар моҳи нисон, дар соли бистуми подшоҳ Артаҳшасто,
воқеъ шуд, ки пеши ӯ шароб буд, ва ман шаробро гирифта, ба
подшоҳ додам, ва пеш аз ин дар ҳузури ӯ ғамгин набудам+.
[2] Вале подшоҳ ба ман гуфт: «Чаро чеҳраат ғамгин аст, ва ҳол он ки
ту бемор нестӣ? Магар ки андешаи баде дар дил дорӣ!» Ва ман хело
сахт тарсидам,+
[3] Ва ба подшоҳ гуфтам: «Бигзор подшоҳ то абад зинда бод! Чаро
чеҳраи ман ғамгин набошад, дар сурате ки шаҳри қабристони
падаронам харобазор гардидааст, ва дарвозаҳояш ба оташ
сӯхтааст»+.
[4] Ва подшоҳ ба ман гуфт: «Пас ту чӣ металабӣ?» Ва ман ба Худои
осмон дуо хондам,
[5] Ва ба подшоҳ гуфтам: «Агар ба подшоҳ мақбул афтад, ва агар
бандаи ту дар ҳузури ту илтифот ёбад, маро ба Яҳудия, ба шаҳри
қабрҳои падаронам бифирист, то ки онро бино намоям».
[6] Ва подшоҳ ба ман гуфт, дар сурате ки малика дар паҳлуи ӯ
нишаста буд: «Сафари ту то кай тӯл хоҳад кашид, ва кай хоҳӣ
баргашт?» Ва подшоҳ салоҳ донист, ки маро бифиристад, ҳамин ки
мӯҳлатро ба ӯ фаҳмондам.
[7] Ва ба подшоҳ гуфтам: «Агар ба подшоҳ мақбул афтад, бигзор ба
ман номаҳо барои волиёни Мовароуннаҳр навишта диҳанд, то ки
онҳо маро гусел намоянд то даме ки ба Яҳудия бирасам,+
[8] Ва номае барои Ософ, ки нозири ҷангалҳои подшоҳ аст, то ки вай
ба ман барои дарвозаҳои қалъаи назди маъбад, ва барои ҳисори
шаҳр, ва барои хонае ки ман дар он маскан хоҳам гирифт, чӯбу тахта
бидиҳад». Ва подшоҳ бар тибқи дасти некӯи Худои ман, ки бар ман
буд, ин чизҳоро ба ман дод+.
[9] Ва чун назди волиёни Мовароуннаҳр омадам, номаҳои подшоҳро
ба онҳо додам; ва подшоҳ саркардагон ва саворонро ҳамроҳи ман
фиристода буд.
[10] Ва ҳангоме ки Санбалати ҳӯрӯнӣ ва Тубиёи сардори аммӯнӣ
инро шуниданд, ба онҳо бисьёр бад расид, ки шахсе омадааст, то ба
некии банӣ-Исроил ғамхорӣ намояд+.

## Наҳемьё ҳисори харобшударо аз назар мегузаронад ва сокинонро барои бино кардани он илҳом медиҳад.

11 Ва чун ба Ерусалим расидам, дар он ҷо се рӯз истодам+.
12 Ва шабона бо якҷоягии якчанд одаме ки бо ман буданд,
бархостам, ва ба касе нагуфтам, ки Худои ман дар дили ман чӣ
ниҳодааст, то барои Ерусалим бикунам; ва чорпое бо ман набуд, ба
ҷуз чорпое ки бар он савор будам.
13 Ва шабона аз дарвозаи Водӣ берун омада, сӯи чашмаи Аждаҳо ва
сӯи дарвозаи Хокрӯба равона шудам ва ҳисори Ерусалимро, ки хароб
шуда буд, ва дарвозаҳои онро, ки ба оташ сӯхта буд, аз назар
гузарондам+.
14 Ва аз пеши дарвозаи Чашма ва ҳавзи подшоҳ гузаштам, ва барои
гузаштани чорпое ки дар таги ман буд, ҷое набуд+.
15 Ва ман шабона ба канори рӯд баромада, ҳисорро аз назар
гузарондам, ва боз назди дарвозаи Водӣ омадам, ва баргаштам+.
16 Ва сардорон надонистанд, ки ман куҷо рафтаам ва чӣ кор
кардаам: ба яҳудиён, ва коҳинон, ва калоншавандагон, ва сардорон,
ва дигар коркунон то ҳол чизе нагуфта будам.
17 Ва ба онҳо гуфтам: «Мусибатеро, ки мо дар он мебошем, ки
Ерусалим хароб шудааст ва дарвозаҳояш ба оташ сӯхтааст, шумо
мебинед. Пас биёед, ҳисори Ерусалимро бино кунем, ва дигар дар
залолат набошем!»+
18 Ва ба онҳо дар бораи дасти некӯи Худои ман, ки бар ман аст, ва
дар бораи суханоне ки подшоҳ ба ман гуфт, ҳикоят кардам. Ва онҳо
гуфтанд: «Бархезем ва бино кунем!» Ва дастҳои худро барои кори нек
қавӣ карданд.
19 Ва ҳангоме ки Санбалати ҳӯрӯнӣ ва Тубиёи сардори аммӯнӣ ва
Ҷашами арабӣ инро шуниданд, моро истеҳзо карданд ва моро таҳқир
намуда, гуфтанд: «Ин чӣ кор аст, ки шумо мекунед? Оё шумо бар
зидди подшоҳ балво мебардоред?»+
20 Ва ман ба онҳо ҷавоб гардонда, гуфтам: «Худои осмон моро
комьёб хоҳад кард, ва мо, ки бандагони Ӯ ҳастем, бархоста, бино
хоҳем намуд; вале шуморо насибе ва ҳаққе ва зикре дар Ерусалим
нест».

## Дар бораи иштироккунандагони бинокорӣ.

3 [1] Ва Эльёшиби саркоҳин ва бародаронаш коҳинон бархоста,
дарвозаи Гӯсфандро бино карданд; онҳо онро тақдис карда,
дарҳояшро шинонданд, ва онро то бурҷи Меоҳ ва то бурҷи Ҳананъил
тақдис карданд+.
[2] Ва дар паҳлуи ӯ мардуми Ериҳӯ бино карданд, ва дар паҳлуи
онҳо Закку ибни Имрӣ бино кард+.
[3] Ва дарвозаи Моҳиро зодагони Ҳасноаҳ бино карданд; онҳо сақфи
онро тахтапӯш намуда, дарҳо, қуфлҳо ва ғалақаҳояшро шинонданд+.
[4] Ва дар паҳлуи онҳо Маримут ибни Уриё ибни Ҳаққӯс таъмир
намуд; ва дар паҳлуи онҳо Машуллом ибни Баракьё ибни
Машизабъил таъмир намуд; ва дар паҳлуи онҳо Содӯқ ибни Баано
таъмир намуд+.
[5] Ва дар паҳлуи онҳо тақӯиён таъмир карданд, вале акобирашон
гардани онҳоро ба хизмати оғоёнашон наниҳоданд+.
[6] Ва дарвозаи Кӯҳнаро Юёдоқ ибни Фосеҳо ва Машуллом ибни
Басудьё таъмир карданд; онҳо сақфи онро тахтапӯш намуда, дарҳо,
қуфлҳо ва ғалақаҳояшро шинонданд.
[7] Ва дар паҳлуи онҳо Малатьёи ҷибъӯнӣ ва Ёдуни мирӯнӯтӣ бо
мардуми Ҷибъӯн ва Мисфо то ҳудуди нишастангоҳи волии
Мовароуннаҳр таъмир карданд.
[8] Ва дар паҳлуи онҳо Узиил ибни Ҳарҳаё, ки аз заргарон буд,
таъмир намуд; ва дар паҳлуи ӯ Ҳананьё, ки аз атторон буд, таъмир
намуд; ва онҳо Ерусалимро то ҳисори фарохи он мустаҳкам
карданд+.
[9] Ва дар паҳлуи онҳо Рафоё ибни Ҳур, ки сарвари нисфи ноҳияи
Ерусалим буд, таъмир намуд.
[10] Ва дар паҳлуи онҳо Ядоё ибни Ҳарумаф дар рӯ ба рӯи хонаи худ
таъмир намуд; ва дар паҳлуи ӯ Ҳаттуш ибни Ҳашабнаё таъмир
намуд.
[11] Қисми дигари ин ҷоро Малкиё ибни Ҳорим ва Ҳашшуб ибни
ҳокими Мӯоб таъмир карданд, ки онҳо таъмири бурҷи Танӯрро низ
ба зиммаи худ гирифта буданд+.
[12] Ва дар паҳлуи онҳо Шаллум ибни Ҳаллуҳиш, ки сарвари нисфи
ноҳияи Ерусалим буд, таъмир намуд; худаш ва духтаронаш.

13 Дарвозаи Водиро Ҳонун ва сокинони Зонуҳа таъмир карданд;
онҳо онро бино намуда, дарҳо, қуфлҳо ва ғалақаҳояшро шинонданд;
ва ҳазор зирои ҳисорро низ то дарвозаи Хокрӯба+.
14 Ва дарвозаи Хокрӯбаро Малкиё ибни Рикоб, ки сардори ноҳияи
Байт-Корим буд, таъмир намуд; ӯ онро бино карда, дарҳо, қуфлҳо ва
ғалақаҳояшро шинонд+.
15 Ва дарвозаи Чашмаро Шаллун ибни Колҳуза, ки сардори ноҳияи
Мисфо буд, таъмир намуд; ӯ онро бино карда ва боме бар он сохта,
дарҳо, қуфлҳо ва ғалақаҳояшро шинонд, ва ҳисори ҳавзи Шелаҳро
назди боғи подшоҳ низ то зинапояе ки аз шаҳри Довуд фуруд меояд+.
16 Аз паси ӯ Наҳемьё ибни Азбуқ, ки сардори нисфи ноҳияи Байт-
Сур буд, то рӯ ба рӯи қабрҳои Довуд, ва то ҳавзи сунъӣ, ва то Хонаи
паҳлавонон таъмир намуд+.
17 Аз паси ӯ левизодагон таъмир карданд: Раҳум ибни Бонӣ; дар
паҳлуи ӯ Ҳашабьё, ки сардори нисфи ноҳияи Қаило буд, барои
ноҳияи худ таъмир намуд.
18 Аз паси ӯ бародарони онҳо таъмир карданд: Баввай ибни
Ҳенодод, ки сардори нисфи ноҳияи Қаило буд.
19 Ва дар паҳлуи ӯ Эзер ибни Ешуа, ки сардори Мисфо буд, қисми
дигарро дар рӯ ба рӯи зинапояи қӯрхона назди гӯшаи ҳисор таъмир
намуд.
20 Аз паси ӯ Борук ибни Заббай ғайратмандона қисми дигарро аз
гӯшаи ҳисор то дари хонаи Эльёшиби саркоҳин таъмир намуд+.
21 Аз паси ӯ Маримут ибни Уриё ибни Ҳаққӯс қисми дигарро аз
дари хонаи Эльёшиб то охири ҳонаи Эльёшиб таъмир намуд+.
22 Ва аз паси ӯ коҳинон, ки аз аҳли даштрӯя буданд, таъмир
карданд.
23 Аз паси онҳо Биньёмин ва Ҳашшуб дар рӯ ба рӯи хонаи худ
таъмир карданд; аз паси онҳо Азарьё ибни Маасиё, ибни Ананьё, дар
наздикии хонаи худ таъмир намуд.
24 Аз паси ӯ Биннуй ибни Ҳенодод қисми дигарро аз хонаи Азарьё
то гӯшаи ҳисор ва то бурҷи он гӯша таъмир намуд.
25 Фолол ибни Узай — аз рӯ ба рӯи гӯша ва бурҷе ки аз хонаи
болоии подшоҳ берун мебаромад ва ба саҳни посгоҳ тааллуқ дошт; аз
паси ӯ — Фадоё ибни Фаръуш+.

[26]Ва тобеоне ки дар Ӯфал сокин буданд, — то рӯ ба рӯи дарвозаи
Об, ба сӯи шарқ ва бурҷи берунӣ+.
[27]Аз паси онҳо тақӯиён қисми дигарро аз рӯ ба рӯи бурҷи калони
берунӣ то ҳисори бурҷи Ӯфал таъмир карданд+.
[28]Аз болотари дарвозаи Аспон коҳинон, ҳар яке дар рӯ ба рӯи
хонаи худ, таъмир карданд+.
[29]Аз паси онҳо Содӯқ ибни Иммир дар рӯ ба рӯи хонаи худ таъмир
намуд; ва аз паси ӯ Шамаъё ибни Шаканьё, ки посбони дарвозаи
шарқӣ буд, таъмир намуд+.
[30]Аз паси ӯ Ҳананьё ибни Шаламьё ва Ҳонун ибни Солоф, ки
писари шашум буд, қисми дигарро таъмир карданд; аз паси онҳо
Машуллом ибни Баракьё дар рӯ ба рӯи маскани худ таъмир намуд+.
[31]Аз паси ӯ Малкиё, ки аз аҳли заргарон буд, то хонаҳои тобеон ва
тоҷирон, дар рӯ ба рӯи дарвозаи Мифқод, ва то зинапояи бурҷ
таъмир намуд.
[32]Ва дар мобайни зинапояи бурҷ ва дарвозаи Гӯсфанд заргарон ва
тоҷирон таъмир карданд+.

## Истеҳзоҳои бадхоҳон.

**4** [1] Ва чун Санбалат шунид, ки мо ҳисорро бино мекунем, ӯ ба
хашм омад ва бисьёр ғазабнок шуд, ва яҳудиёнро тамасхур кард;+
[2] Ва дар ҳузури бародаронаш ва қӯшуни Сомария сухан ронд, ва
чунин гуфт: «Ин яҳудиёни ҳақир чӣ мекунанд? Оё онҳоро
мегузоранд, ки комьёб шаванд? Оё онҳо ба забҳ кардан ноил
мегарданд? Оё онҳо ягон рӯз ин корро метавонанд ба анҷом
расонанд? Оё онҳо ин сангҳоро аз миёни хоктӯдаҳо метавонанд аз
нав зинда кунанд? Инҳо, охир, сӯхтааст!»+
[3] Ва Тубиёи аммӯнӣ, ки ҳамроҳи ӯ буд, чунин гуфт: «Агарчи онҳо
бино мекунанд, агар шағол бар он барояд, ҳисори сангини онҳоро
хароб хоҳад кард»+.

## Наҳемьё бо дуо ҷавоб мегардонад.

[4] «Бишнав, эй Худои мо, зеро ки мо хорузор шудаем, ва таҳқирҳои
онҳоро ба сари худашон баргардон, ва онҳоро дар замини асирӣ
гирифтори тороҷ намо!+
[5] Ва маъсияти онҳоро рӯпӯш накун, ва бигзор гуноҳи онҳо ба
ҳузури Ту маҳв нашавад, зеро ки онҳо дар пеши бинокорон Туро хорӣ
додаанд!»+
[6] Валекин мо сохтани ҳисорро давом додем, ва тамоми ҳисор то
нисфи баландии он ба ҳам пайваст; ва дили қавм ба кор кардан
ҷидду ҷаҳд дошт.

## На танҳо душманон, балки худи бинокорони нобовар низ мамониат мерасонанд.

[7] Ва чун Санбалат, ва Тубиё, ва арабиён, ва аммӯниён, ва ашдӯдиён
шуниданд, ки таъмири ҳисори Ерусалим пеш рафта, рахнаҳояш баста
мешавад, хашмашон бағоят пурзӯр шуд.
[8] Ва ҳамаашон ба якҷоягӣ забон як карданд, ки омада бо Ерусалим
ҷанг кунанд, ва ба қавми он халал расонанд+.
[9] Ва мо пеши Худои худ дуо мегуфтем, ва бар зидди онҳо рӯзу шаб
посбононро гузоштем, то ки аз онҳо худро муҳофизат намоем.
[10] Ва аҳли Яҳудо гуфтанд:
«Қуввати ҳаммолон суст шудааст,

ва хок ҳанӯз бисьёр аст,
ва мо наметавонем ҳисорро бино кунем».
11 Ва душманони мо мегуфтанд: «Онҳо нахоҳанд донист ва
нахоҳанд дид, ки мо чӣ гуна ба миёни онҳо даромада, онҳоро
мекушему корро мехобонем».
12 Ва яҳудиёне ки дар наздикии онҳо сокин буданд, омада, даҳ бор
ба мо гуфтанд: «Ҳатто агар аз ҳамаи маконҳо назди мо баргардед
ҳам, онҳо ҳуҷум меоваранд».
13 Ва ман қавмро дар пастхамиҳо дар ақиби ҳисор, дар миёни
сахраҳо гузоштам; ва онҳоро, мувофиқи хонаводаҳои онҳо, бо
шамшерҳо, найзаҳо ва камонҳои онҳо гузоштам.
14 Ва аз назар гузарондам, ва бархостам ва ба калоншавандагон ва
сардорон ва бақияи қавм гуфтам: «Аз онҳо натарсед! Худованди азим
ва саҳмгинро ба ёд оваред! Ва барои бародарони худ, писарон ва
духтарони худ, занон ва хонаҳои худ ҷанг кунед!»+
15 Ва чун душманони мо шуниданд, ки мо хабар ёфтаем, ва Худо
қасди онҳоро вайрон кардааст, он гоҳ ҳамаи мо, ҳар яке ба кори худ,
ба ҳисор баргаштем.
16 Ва аз ҳамон рӯз нисфи навкарони ман ба кор машғул буданд, ва
нисфи дигарашон найзаҳо, сипарҳо, камонҳо ва зиреҳҳоро нигоҳ
медоштанд, ва сарварон дар ақиби тамоми хонадони Яҳудо
меистоданд.
17 Бинокорони ҳисор ва онҳое ки бор мекашонданд ва бор
мекарданд, бо як даст кор мекарданд ва бо дасти дигар яроқ нигоҳ
медоштанд.
18 Ва бинокорон ҳар яке шамшери худро бар камари худ баста
буданд ва бино мекарданд, ва шохнавоз дар паҳлуи ман меистод.
19 Ва ман ба калоншавандагон ва сардорон ва бақияи қавм гуфтам:
«Кор бисьёр аст ва дар сатҳи васеъ ба ҷо оварда мешавад, ва мо дар
назди ҳисор пароканда ва аз якдигар дур мебошем.
20 Аз ҳар ҷо, ки садои шохро бишнавед, дар он ҷо назди мо ҷамъ
шавед; Худои мо барои мо ҷанг хоҳад кард»+.
21 Ва мо ба кор машғул будем, ва нисфи онҳо аз шафақи субҳ то
баромадани ситораҳо найзаҳоро нигоҳ медоштанд.
22 Дар он вақт ҳам ба қавм гуфтам: «Бигзор ҳар кас бо навкари худ
андаруни Ерусалим хоб кунад, то шабона барои мо посбонӣ намояд

ва рӯзона ба кор машғул шавад».

[23] Ва ман, ва бародаронам, ва навкаронам, ва посбононе ки дар ақиби ман буданд, — ҳеҷ яке аз мо либоси худро накашидем, ва ҳар яке бо яроқи худ ба об мерафт.

## Ғавғо дар миёни қавм пурзӯр мешавад.

**5** [1] Ва қавм ва занони онҳо аз дасти бародарони яҳудии худ ғавғои азиме бардоштанд+.

[2] Ва баъзе буданд, ки мегуфтанд: «Мо ва писарону духтарони мо бисьёрем, ва мо орзумандем, ки гандум бигирем, то бихӯрем ва зинда монем».

[3] Ва баъзе буданд, ки мегуфтанд: «Мо киштзорҳо, токзорҳо ва хонаҳои худро ба гарав гузоштаем, то ки аз боиси қаҳтӣ гандум бигирем».

[4] Ва баъзе буданд, ки мегуфтанд: «Мо барои хироҷи подшоҳ дар ивази киштзорҳо ва токзорҳои худ пул қарз гирифтаем.

[5] Ва алҳол, ҷисми мо мисли ҷисми бародарони мост, ва писарони мо мисли писарони онҳоянд, ва инак, мо маҷбурем писарону духтарони худро ба ғуломӣ бисупорем, ва баъзе аз духтарони мо каниз шудаанд, ва дар дасти мо имконияте нест, ки онҳоро раҳо кунем; ва киштзорҳо ва токзорҳои мо аз они дигарон шудааст»+.

[6] Ва чун доду фарьёди онҳо ва ин суханонро шунидам, бисьёр ба хашм омадам.

[7] Ва бо дили худ машварат карда, калоншавандагон ва сардоронро мазаммат намудам ва ба онҳо гуфтам: «Шумо аз бародарони худ суд мехӯред!» Ва ҷамоати бузургеро ба муқобили онҳо ҷамъ кардам,+

[8] Ва ба онҳо гуфтам: «Мо бародарони яҳудии худро, ки ба халқҳо фурӯхта шуда буданд, алоқадри қуввати худ фидия дода харидем, ва оё шумо бародарони худро мефурӯшед, ва оё онҳо ба мо фурӯхта мешаванд?» Ва онҳо хомӯш монда, сухане барои ҷавоб наёфтанд+.

[9] Ва ман гуфтам: «Коре ки шумо мекунед, нағз нест. Шумо, охир, барои пешгирӣ кардани маломати халқҳо, ки душмани мо мебошанд, бояд дар тарси Худо рафтор намоед+.

[10] Ва низ ман ва бародарону навкаронам ба онҳо пул ва ғалла қарз додаем; пас биёед, аз ин қарз даст кашем!

[11] Худи имрӯз киштзорҳо, токзорҳо, боғҳои зайтун ва хонаҳои онҳоро, ва даъвои пул ва ғалла ва шароб ва равғанеро, ки шумо ба онҳо қарз додаед, ба онҳо баргардонед!»

[12] Ва онҳо гуфтанд: «Мо ин чизҳоро хоҳем баргардонид ва аз онҳо чизе талаб нахоҳем кард; онҷунон ки ту мегӯӣ, амал хоҳем кард». Ва

ман коҳинонро хонда, онҳоро водор намудам, ки қасам ёд кунанд, ки ҳамин тавр амал хоҳанд кард+.
[13] Низ домани худро афшондам ва гуфтам: «Худо ҳар касро, ки ин қавлро ба ҷо наоварад, аз хонаю ҷой ва молу мулки вай ҳамин тавр хоҳад афшонд, ва ҳамин тавр вай афшонда ва тиҳӣ хоҳад шуд!» Ва тамоми ҷамоат гуфтанд: «Омин!» Ва Худоро ҳамду сано хонданд; ва қавм ин қавлро ба ҷо оварданд+.

## Наҳемьё дар бобати беғаразӣ намунаи ибрат зоҳир менамояд.

[14] Низ аз рӯзе ки маро амр шуд, ки волии замии Яҳудо бошам, яъне аз соли бистум то соли сиву дуюми подшоҳ Артаҳшасто, — дувоздаҳ сол, — ман ва бародаронам нони волигиро нахӯрдаем+.
[15] Ва ҳол он ки волиёни собиқ, ки пеш аз ман буданд, бар қавм гаронӣ мекарданд, ва аз онҳо, ба замми чил сиқл нуқра, нон ва шароб мегирифтанд; навкаронашон низ бар қавм ҳукмронӣ мекарданд. Валекин ман, аз тарси Худо, ин тавр накардам.
[16] Ва низ дар кори ҳисор ман кӯмак мерасондам, дар сурате ки ҳеҷ киштзоре нахарида будам; ва ҳамаи навкаронам дар он ҷо барои кор ҷамъ мешуданд.
[17] Ва яҳудиён ва сардорон, ки саду панҷоҳ нафар буданд, ва онҳое ки аз халқҳои гирду атроф назди мо меомаданд, дар сари суфраи ман буданд.
[18] Ва инак он чи барои як рӯз сарф карда мешуд: як гов, шаш гӯсфанди бӯрдоқӣ; ва мурғҳо барои ман пухта мешуд; ва ҳар даҳ рӯз — ҳар навъ шароб барои касони бисьёр. Бо вуҷуди ин ман нони волигиро талаб накардам, зеро ки меҳнати гароне бар гардани ин қавм буд.
[19] Эй Худои ман, ҳар он чи ман барои ин қавм ба амал овардаам, ба некӯии ман ба ёд овар!+

## Душманон найрангбозӣ мекунанд. Устувории Наҳемьё.

6 [1] Ва чун Санбалат ва Тубиё ва Ҷашами арабӣ ва дигар
душманони мо шуниданд, ки ман ҳисорро бино кардаам, ва ҳеҷ
рахнае дар он боқӣ намондааст, — агарчи то он вақт ҳам ман дарҳои
дарвозаҳоро ҳанӯз нашинонда будам, —+
[2] Санбалат ва Ҷашам назди ман фиристода, гуфтанд: «Биё, то дар
Кафирим, ки дар водии Уну мебошад, якҷоя вохӯрем». Ва онҳо қасд
доштанд ба ман бадӣ кунанд+.
[3] Вале ман қосидон назди онҳо фиристода, гуфтам: «Ман ба кори
бузурге машғул ҳастам ва наметавонам фурӯд оям. Чаро кор, вақте
ки онро хобонда назди шумо фурӯд оям, ба таъхир афтад?»
[4] Ва онҳо чор дафъа бо чунин суханон назди ман фиристоданд, ва
ман ба онҳо чунин ҷавоб гардондам.
[5] Ва Санбалат дафъаи панҷум навкари худро ба ин тарз назди ман
фиристод, ва номаи кушодае дар дасташ буд.
[6] Дар он навишта шуда буд: «Дар миёни халқҳо овоза шудааст, ва
Ҷашам мегӯяд: „Ту ва яҳудиён қасди исьён доред, бинобар ин ту
ҳисорро бино мекунӣ, ва ту мехоҳӣ подшоҳи онҳо бишавӣ . . .“ —
чунин суханон+.
[7] Ва низ анбиёро таъин кардаӣ, то дар бораи ту дар Ерусалим
эълон намуда, бигӯянд: „Подшоҳи Яҳудия!“ Ва алҳол, ин хабар ба
гӯши подшоҳ хоҳад расид . . . — чунин суханон. — Ва алҳол, биё, то
якҷоя машварат намоем».
[8] Валекин ман назди ӯ фиристода, гуфтам: «Чунин суханон, ки ту
мегӯӣ, ба вуқӯъ наомадааст, балки ту онҳоро аз майнаи худ бофта
баровардаӣ».
[9] Зеро ки ҳамаи онҳо моро тарсонда, дар дили худ мегӯянд:
«Дасту дили онҳо аз кор хунук шуда, он ба ҷо оварда намешавад». Ва
алҳол, дастҳоямро барои кор қавӣ гардон!
[10] Ва ман ба хонаи Шамаъё ибни Далоё ибни Маҳитабъил омадам,
ва ӯ дарро бар худ баста буд, ва гуфт: «Ба хонаи Худо андаруни
маъбад ворид шавем, ва дарҳои маъбадро бибандем, зеро ки барои
куштани ту хоҳанд омад».
[11] Вале ман гуфтам: «Оё шахсе мисли ман метавонад бигрезад? Ва
кист мисли ман, ки вориди маъбад шавад ва зинда монад? Ман

нахоҳам рафт!»
12 Ва ман фаҳмидам, ки Худо ӯро нафиристодааст, ва он чи ӯ дар
бораи ман гуфт, бар ҳасби нубувват нест, балки Тубиё ва Санбалат
ӯро киро кардаанд.
13 Ӯ барои он киро карда шудааст, ки ман ба ҳарос афтам, ва ин
тавр амал намоям, ва гуноҳ кунам, ва барои онҳо бадном шавам, то
маро беобрӯ созанд.
14 Эй Худои ман, Тубиё ва Санбалатро мувофиқи ин аъмолашон, ва
ҳамчунин Нуадьёи набия ва дигар анбиёро, ки маро метарсонданд,
ба ёд овар!+
15 Ва ҳисор дар рӯзи бисту панҷуми моҳи элул, дар зарфи панҷоҳу
ду рӯз ба анҷом расид.

## Бино кардани ҳисор анҷом ёфт.

16 Ва чун ҳамаи душманони мо инро шуниданд, ва ҳамаи халқҳои
гирду атрофи мо инро диданд, — дар назари худ бағоят залил
гардиданд, ва донистанд, ки ин кор аз ҷониби Худои мо ба ҷо оварда
шудааст.
17 Дар ҳамон айём калоншавандагони Яхудо мактубҳои зиёде
навишта ба Тубиё равона мекарданд, ва мактубҳои Тубиё ба онҳо
мерасид,
18 Зеро ки бисьёре аз аҳли Яҳудо иттифоқчиёни ӯ буданд, чунки ӯ
домоди Шаканьё ибни Араҳ буд, ва писараш Еҳӯҳонон духтари
Машуллом ибни Баракьёро ба занӣ гирифта буд+.
19 Низ ба ҳузури ман аз аъмоли неки ӯ сухан меронданд, ва
суханони маро ба ӯ хабар мебурданд. Тубиё мактубҳо мефиристод,
то ки маро битарсонад.

## Таъин кардани дарбонон.

7 1 Ва чун ҳисор бино ёфт, ва ман дарҳояшро шинондам, ва
дарбонону муғанниёну левизодагон таъин карда шуданд,
2 Ман бародарам Ҳанониро, яъне Ҳананьёи сарвари калъаро, бар
Ерусалим таъин намудам, зеро ки ӯ бештар аз бисьёр касони дигар
шахси амин ва худотарс буд+.
3 Ва ба онҳо гуфтам: «Бигзор дарвозаҳои Ерусалимро, то офтоб
гарм нашавад, воз накунанд, ва ҳанӯз ки онҳо ҳозиранд, дарҳоро
баста, қуфл зананд; ва бигзор аз сокинони Ерусалим посбонҳо
гузошта шаванд, то ки ҳар кас дар посбонии худ ва ҳар кас дар рӯ ба
рӯи хонаи худ бошад»+.

4 •Ва шаҳр фарох ва бузург, вале қавм андаруни он кам, ва хонаҳо
бино наёфта буд.

## Саршумории онҳое ки дафъаи аввал омадаанд.

## а) Қавми оддӣ.

5 Ва Худои ман ба дилам ниҳод, ки калоншавандагон ва сардорон
ва қавмро ҷамъ оварам, то ки насабномаҳошонро муқаррар намоям.
Ва дафтари насабномаи онҳоеро, ки дафъаи аввал омада буданд,
пайдо кардам, ва чунин навиштае дар он ёфтам:
6 Инҳоянд сокинони мамлакат, ки аз асирии ҳиҷрат, ки
Набукаднесар, подшоҳи Бобил ба асирӣ бурда буд, ба Ерусалим ва
Яҳудо, ҳар яке ба шаҳри худ баргаштанд, —+
7 Онҳое ки бо Зарубобил, Ешуа, Наҳемьё, Азарьё, Раамьё,
Наҳамонӣ, Мордахай, Билшон, Мисперет, Биҷвай, Наҳум ва Баано
омаданд. Шумораи одамони қавми Исроил:+
8 Зодагони Фаръуш — ду ҳазору саду ҳафтоду ду+.
9 Зодагони Шафатьё — сесаду ҳафтоду ду.
10 Зодагони Ораҳ — шашсаду панҷоҳу ду.
11 Зодагони ҳокими Мӯоб, аз фарзандони Ешуа ва Юоб — ду ҳазору
ҳаштсаду ҳаждаҳ.
12 Зодагони Элом — ҳазору дусаду панҷоҳу чор.
13 Зодагони Затту — ҳаштсаду чилу панҷ.
14 Зодагони Заккой — ҳафтсаду шаст.

15 Зодагони Биннуй — шашсаду чилу ҳашт.
16 Зодагони Бебой — шашсаду бисту ҳашт.
17 Зодагони Азҷод — ду ҳазору сесаду бисту ду.
18 Зодагони Адуниқом — шашсаду шасту ҳафт.
19 Зодагони Биҷвай — ду ҳазору шасту ҳафт.
20 Зодагони Один — шашсаду панҷоҳу панҷ.
21 Зодагони Отир илова ба зодагони Ҳизқиё — наваду ҳашт.
22 Зодагони Ҳошум — сесаду бисту ҳашт.
23 Зодагони Бесой — сесаду бисту чор.
24 Зодагони Ҳориф — саду дувоздаҳ.
25 Зодагони Ҷибъӯн — наваду панҷ.
26 Мардуми Байт-Лаҳм ва Натуфо — саду ҳаштоду ҳашт.
27 Мардуми Анотӯт — саду бисту ҳашт.
28 Мардуми Байт-Азмавт — чилу ду.
29 Мардуми Қирьят-Еорим, Кфиро ва Баэрӯт — ҳафтсаду чилу се.
30 Мардуми Ромо ва Ҷобаъ — шашсаду бисту як.
31 Мардуми Микмос — саду бисту ду.
32 Мардуми Байт-Ил ва Ой — саду бисту се.
33 Мардуми Набӯи дигар — панҷоҳу ду.
34 Мардуми Эломи дигар — ҳазору дусаду панҷоҳу чор.
35 Зодагони Ҳорим — сесаду бист.
36 Зодагони Ериҳӯ — сесаду чилу панҷ+.
37 Зодагони Луд, Ҳодид ва Уну — ҳафтсаду бисту як.
38 Зодагони Саноо — се ҳазору нӯҳсаду сӣ+.

## б) Коҳинон, левизодагон ва тобеон.

39 Коҳинон: зодагони Едаъё аз хонадони Ешуа — нӯҳсаду ҳафтоду се+.

40 Зодагони Иммир — ҳазору панҷоҳу ду+.
41 Зодагони Фашҳур — ҳазору дусаду чилу ҳафт+.
42 Зодагони Ҳорим — ҳазору ҳафдаҳ+.

43 Левизодагон: зодагони Ешуа ва Қадмиил илова ба зодагони Худво — ҳафтоду чор.

44 Муғанниён: зодагони Ософ — саду чилу ҳашт+.

45 Дарбонон: зодагони Шаллум, зодагони Отир, зодагони Талмун, зодагони Аққуб, зодагони Ҳатито ва зодагони Шубой — саду сиву

ҳашт+.
[46] Тобеон: зодагони Сиҳо, зодагони Ҳасуфо, зодагони Таббоут,+
[47] Зодагони Қерус, зодагони Сио, зодагони Фодун,
[48] Зодагони Лабоно, зодагони Ҳаҷобо, зодагони Салмой,
[49] Зодагони Ҳонон, зодагони Ҷиддил, зодагони Ҷаҳар,
[50] Зодагони Раоё, зодагони Расин, зодагони Нақудо,
[51] Зодагони Ҷаззом, зодагони Уззо, зодагони Фосеҳо,
[52] Зодагони Бесай, зодагони Мауним, зодагони Нафишсим,
[53] Зодагони Бақбуқ, зодагони Ҳақуфо, зодагони Ҳарҳур,
[54] Зодагони Баслит, зодагони Маҳидо, зодагони Ҳаршо,
[55] Зодагони Барқӯс, зодагони Сисро, зодагони Томаҳ,
[56] Зодагони Насиҳо, зодагони Ҳатифо.

## в) Наслҳои ҳамдастони Сулаймон, ва коҳиноне ки насабнома надоштанд.

[57] Зодагони ғуломони Сулаймон: зодагони Сутай, зодагони
Сӯферет, зодагони Фридо,+
[58] Зодагони Яъло, зодагони Дарқун, зодагони Ҷиддил,
[59] Зодагони Шафатьё, зодагони Ҳаттил, зодагони Фухерет-
Ҳасбоим, зодагони Омун —
[60] Ҷамъи тобеон ва зодагони ғуломони Сулаймон — сесаду наваду
ду.
[61] Ва инҳоянд касоне ки аз Тал-Милҳ, Тал-Ҳаршо, Каруб-Аддон ва
Иммир баромадаанд, вале хонадон ва аслу насаби худро
натавонистаанд бигӯянд, ки оё аз Исроил ҳастанд ё не:
[62] Зодагони Далоё, зодагони Тубиё, зодагони Нақудо — шашсаду
чилу ду.
[63] Ва аз коҳинон: зодагони Ҳобайё, зодагони Ҳаққӯс — зодагони
Барзилай, ки вай аз духтарони Барзилаи Ҷилъодӣ зан гирифта, бо
номи онҳо хонда шудааст+.
[64] Инҳо насабномаи худро ҷустуҷӯ намуда, наёфта буданд, — ва аз
каҳонат хориҷ карда шуданд.

## Шумораи умумии онҳое ки баргаштаанд,

## ва вазъияти дороии онҳо.

65 Ва волӣ ба онҳо гуфт, ки то кохине дар пеши урим ва туммим
наистад, аз кудси қудсҳо нахӯранд+.
66 Тамоми ин ҷамоат ба якҷоягӣ чилу ду ҳазору сесаду шаст нафар
буданд,
67 Ба ғайр аз ғуломон ва канизонашон; инҳо ҳафт ҳазору сесаду
сиву ҳафт нафар буданд; ва ҳамроҳашон дусаду чилу панҷ нафар
муғаннӣ ва муғаннияҳо буданд.
68 Аспҳои онҳо — ҳафтсаду сиву шаш; хачирҳои онҳо — дусаду
чилу панҷ;
69 Уштурҳо — чорсаду сиву панҷ; харҳо — шаш ҳазору ҳафтсаду
бист.
70 Ва баъзе аз сардорони хонаводаҳо ионат барои кор доданд. Волӣ
ба хазина ҳазор дирҳам тилло, панҷоҳ коса ва панҷсаду сӣ пероҳани
каҳонат дод.
71 Ва аз сардорони хонаводаҳо ба хазина барои кор бист ҳазор
дирҳам тилло ва ду ҳазору дусад мино нуқра доданд.
72 Ва бақияи қавм бист ҳазор дирҳам тилло, ду ҳазор мино нуқра
ва шасту ҳафт пероҳани каҳонат доданд.
73 Ва коҳинон, ва левизодагон, ва дарбонон, ва муғанниён ва баъзе
аз қавм, ва тобеон, ва тамоми Исроил дар шаҳрҳои худ маскан
гирифтанд. Ва моҳи ҳафтум фаро расид, ва банӣ-Исроил дар шаҳрҳои
худ буданд.

## Хондан ва шарҳ додани Таврот.

**8** 1 Ва тамоми қавм, мисли як тан, дар майдони пеши дарвозаи
Об ҷамъ шуданд, ва ба Эзрои китобдон гуфтанд, ки китоби
Тавроти Мусоро, ки Худо ба Исроил амр фармудааст, биёрад+.
2 Ва Эзрои коҳин Тавротро дар рӯзи якуми моҳи ҳафтум ба ҳузури
ҷамоати иборат аз мардон ва занон ва ҳамаи онҳое ки
метавонистанд бишнаванд ва бифаҳманд, овард.
3 Ва дар майдони пеши дарвозаи Об аз субҳидам то нисфи рӯз дар
ҳузури мардон, занон ва онҳое ки метавонистанд бифаҳманд, онро
хонд, ва гӯши тамоми қавм ба китоби Таврот буд+.
4 Ва Эзрои китобдон бар минбари чӯбине ки барои ин мақсад
сохта буданд, истод, ва дар паҳлуи ӯ, аз тарафи росташ, Матитьё ва
Шемаъ ва Аноё ва Уриё ва Ҳилқиё ва Маасиё истоданд, ва аз тарафи
чапаш — Фадоё ва Мишоил ва Малкиё ва Ҳошум ва Ҳашбадоно ва
Закарьё ва Машуллом.
5 Ва Эзро китобро дар пеши назари тамоми қавм кушод, зеро ки аз
тамоми қавм болотар истода буд, ва чун онро кушод, тамоми қавм
бархостанд.
6 Ва Эзро Худованд Худои бузургро муборак хонд, ва тамоми қавм
дастҳои худро боло бардошта, дар ҷавоб «омин, омин!» гуфтанд ва
сархам намуда ва рӯ ба замин ниҳода, пеши Худованд саҷда
бурданд+.
7 Ва Ешуа, Бонӣ, Шарабьё, Ёмин, Аққуб, Шабтай, Ҳудиё, Маасиё,
Қалито, Азарьё, Юзобод, Ҳонон, Фалоё ва левизодагон Тавротро ба
қавм фаҳмонда медоданд, ва қавм дар ҷои худ истода буданд.
8 Ва китоби Тавроти Худоро батафсил хонданд ва шарҳ доданд, то
он чиро, ки хонданд, бифаҳманд.
9 Ва Наҳемьё, ки волӣ бошад, ва Эзрои коҳини китобдон, ва
левизодагоне ки ба қавм фаҳмонда медоданд, ба тамоми қавм
гуфтанд: «Имрӯз барои Худованд Худои шумо рӯзи муқаддас аст;
андӯҳгин нашавед ва гирья накунед», — чунки тамоми қавм ба
шунидани суханони Таврот мегиристанд.
10 Ва ба онҳо гуфт: «Биравед, хӯрокҳои равғанин бихӯред ва
шарбатҳо бинӯшед, ва ба онҳое ки чизе муҳайё накардаанд, ҳиссаҳо
бифиристед, зеро ки имрӯз барои Худованди мо рӯзи муқаддас аст;

ва ғамгин нашавед, чунки шод будан ба ҳузури Худованд қуввати шумост».
[11] Ва левизодагон тамоми қавмро ором карда, мегуфтанд: «Сокит бошед, чунки имрӯз рӯзи муқаддас аст, ва ғамгин нашавед».
[12] Ва тамоми қавм рафтанд, то ки бихӯранд ва бинӯшанд ва ҳиссаҳо бифиристанд ва хурсандии азиме бикунанд, зеро суханонеро, ки ба онҳо гуфта буданд, фаҳмиданд+.
[13] Ва дар рӯзи дуюм сардорони хонаводаҳои тамоми қавм, коҳинон ва левизодагон, назди Эзрои китобдон ҷамъ шуданд, то ки ба суханони Таврот гӯш диҳанд.

## Аз нав барқарор кардани иди хаймаҳо.

[14] Ва дар Таврот чунин навиштае ёфтанд, ки Худованд ба воситаи Мусо амр фармудааст, ки банӣ-Исроил дар иди моҳи ҳафтум дар хаймаҳо сокин шаванд+.
[15] Ва аз ин рӯ дар ҳамаи шаҳрҳо ва дар Ерусалим эълон карданд ва ҷор зада, гуфтанд: «Ба кӯҳ бароед ва шохаҳои зайтуни боғӣ, ва шохаҳои зайтуни даштӣ, ва шохаҳои ос, ва шохаҳои хурмо, ва шохаҳои дарахти мурд биёред, то мувофиқи он чи навишта шудааст, хаймаҳо бисозед».
[16] Ва қавм берун омаданд, ва ҳар яке бар боми худ, ва дар саҳни ҳавлии худ, ва дар саҳни хонаи Худо, ва дар майдони дарвозаи Об, ва дар майдони дарвозаи Эфроим хаймаҳо барои худ сохтанд+.
[17] Ва тамоми ҷамоате ки аз асирӣ баргашта буданд, хаймаҳо сохтанд, ва дар хаймаҳо сокин шуданд, зеро ки банӣ-Исроил аз айёми Еҳушаъ ибни Нун то он рӯз чунин накарда буданд; ва шодмонии бағоят бузурге ба амал омад.
[18] Ва ӯ ҳар рӯз, аз рӯзи якум то рӯзи охирин, китоби Тавроти Худоро хонд; ва ҳафт рӯз ид карданд, ва дар рӯзи ҳаштум ҷамъомади идонае бар тибқи шариат барпо гардид+.

## Қавм тавба карда, рӯза медоранд.

9 [1] Ва дар рӯзи бисту чоруми ин моҳ банӣ-Исроил ҷамъ шуданд,
дар ҳолате ки рӯзадор, палос дар бар ва хок бар сар буданд+.
[2] Ва насли Исроил аз ҳамаи зодагони аҷнабӣ ҷудо шуданд ва истода, гуноҳҳои худашон ва маъсиятҳои падаронашонро эътироф карданд+.
[3] Ва дар ҷойҳои худ истода, чорьяки рӯз китоби Тавроти Худованд Худои худро хонданд, ва чорьяки рӯз гуноҳҳоро эътироф намуда, Худованд Худои худро парастиш карданд.

## Изҳори эътиқоди коҳинон ва левизодагон.

[4] Ва Ешуа, ва Бонӣ, ва Қадмиил, ва Шабаньё, ва Буннӣ, ва Шарабьё, ва Бонӣ, ва Канонӣ бар минбари левизодагон истода, бо овози баланд ба хузури Худованд Худои худ фарьёд заданд.
[5] Ва левизодагон — Ешуа, ва Қадмиил, ва Бонӣ, ва Ҳашабниё, ва Шарабьё, ва Ҳудиё, ва Шабаньё, ва Фатаҳьё — гуфтанд: «Бархезед ва Худованд Худои худро аз азал то абад
муборак бихонед!
Ва исми ҷалоли Туро, ки аз тамоми баракот
ва ҳамду сано болотар аст, муборак хоҳанд хонд!
[6] Танҳо Ту Худованд ҳастӣ,
Ту осмон, фалакулафлок ва тамоми лашкари онҳоро,
замин ва ҳар чиро, ки бар он аст,
баҳрҳо ва ҳар чиро, ки дар онҳост, ба вуҷуд овардаӣ,
ва Ту ба ҳамаи онҳо ҳаёт мебахшӣ,
ва лашкари афлок ба Ту саҷда мекунанд+.
[7] Ту Он Худованд Худо ҳастӣ,
ки Абромро баргузидӣ,
ва ӯро аз Ур-Касдим берун овардӣ,
ва ба ӯ исми Иброҳимро додӣ+.
[8] Ва дили ӯро ба ҳузури Худ амин ёфта,
бо ӯ аҳд бастӣ, ки замини канъониён,
ҳиттиён, амӯриён, фариззиён, ябусиён ва ҷирҷошиёнро бидиҳӣ, —
ба насли ӯ бидиҳӣ;
ва қавли Худро ба ҷо овардӣ,

зеро ки Ту одил ҳастӣ+.
9 Ва мусибати падарони моро дар Миср дидӣ,
ва фарьёди онҳоро назди баҳри Қулзум шунидӣ,+
10 Ва бар фиръавн, бар ҳамаи ғуломони ӯ
ва бар тамоми қавми замини ӯ аломот ва мӯъҷизот зоҳир намудӣ,
зеро медонистӣ, ки бар падарони мо ситам мекарданд,
ва барои Худ исм пайдо кардӣ, чунон ки имрӯз низ маълум аст+.
11 Ва баҳрро пеши онҳо пора кардӣ,
ва онҳо андаруни баҳр ба хушкӣ гузаштанд,
ва таъқибкунандагони онҳоро дар умқҳои баҳр,
мисли санге дар оби чуқур, андохтӣ+.
12 Ва онҳоро рӯзона дар сутуни абр
ва шабона дар сутуни оташ бурдӣ,
то роҳеро, ки дар он бояд бираванд,
равшан намоӣ+.
13 Ва бар кӯҳи Сино фурӯд омадӣ,
ва бо онҳо аз осмон сухан рондӣ,
ва қонунҳои барҳақ, дастурҳои рост,
фароиз ва аҳкоми некӯ ба онҳо додӣ+.
14 Ва шанбеи муқаддаси Худро ба онҳо маълум кардӣ,
ва аҳкому фароизу қонунҳо ба воситаи бандаи
Худ Мусо ба онҳо амр фармудӣ+.
15 Ва нон аз осмон ба онҳо аз баҳри гуруснагиашон додӣ,
ва об аз сахра ба онҳо аз баҳри ташнагиашон берун овардӣ,
ва ба онҳо гуфтӣ, ки омада заминеро мерос гиранд,
ки Ту бо дасти барафроштаи Худ қасам хӯрда будӣ,
ки онро ба онҳо бидиҳӣ+.
16 Вале онҳо, падарони мо, рафтори шарирона намуда,
гарданкашӣ карданд ва ба аҳкоми Ту гӯш надоданд,
17 Ва аз гӯш додан сар тофтанд,
ва мӯъҷизоти Туро, ки барои онҳо ба амал овардӣ,
ба ёд наоварданд, ва гарданкашӣ карданд, ва исьён бардошта,
пешвоеро барои худ баргузиданд, то ки ба ғуломии худ баргарданд;
вале Ту Худои ғаффор, карим ва раҳим,
собир ва пур аз эҳсон ҳастӣ, ва онҳоро тарк накардӣ+.

18 Гарчанде ки онҳо гӯсолаи рехтае барои худ сохтанд ва гуфтанд: „Ин аст худои ту,
ки туро аз Миср берун овард“,
ва куфрҳои азиме ба амал оварданд,+
19 Вале Ту, бар ҳасби марҳамати бузурги Худ,
онҳоро дар биёбон тарк накардӣ:
сутуни абре ки рӯзона роҳро ба онҳо нишон медод,
аз болои онҳо дур нашуд;
ва сутуни оташ низ, ки шабона роҳеро, ки бояд бо он бираванд, барои онҳо равшан мекард+.
20 Ва рӯҳи некӯи Худро барои омӯхтани онҳо додӣ,
ва манни Худро аз даҳони онҳо кашида нагирифтӣ,
ва об ба онҳо барои ташнагиашон додӣ+.
21 Ва чил сол дар биёбон ба онҳо ғизо додӣ — ба чизе эҳтиёҷ надоштанд;
либоси онҳо кӯҳна нашуд, ва пойҳои онҳо варам накард+.
22 Ва мамлакатҳо ва қавмҳоро ба онҳо дода,
он қавмҳоро ба ҳар гӯша пароканда намудӣ;
ва онҳо замини Сиҳӯн — замини подшоҳи Ҳешбӯн,
ва замини Ӯҷ, подшоҳи Бошонро мерос гирифтанд+.
23 Ва писарони онҳоро мисли ситораҳои осмон афзун кардӣ,
ва онҳоро ба замине овардӣ,
ки ба падаронашон гуфта будӣ, ки омада онро мерос хоҳанд гирифт+.
24 Ва писаронашон омада, он заминро мерос гирифтанд,
ва Ту канъониёнро, ки сокинони он замин буданд,
пеши онҳо мағлуб намуда, бо подшоҳонашон ва қавмҳои он замин ба дасти онҳо супурдӣ,
то ки ба дилхоҳи худ бо онҳо рафтор кунанд+.
25 Ва шаҳрҳои истеҳкомдор ва замини ҳосилхезро мусаххар карданд,
ва хонаҳои пур аз ҳар гуна неъмат,
обанборҳои дар сахра кандашуда, токзорҳо, боғҳои зайтун
ва дарахтони мевадори сершуморро мерос гирифтанд;
ва ба туфайли некӯии бузурги Ту хӯрда,
сер ва фарбеҳ шуданд ва лаззат бурданд;+
26 Ва саркашӣ намуда, ба Ту осӣ шуданд,

ва аз Тавроти Ту рӯ гардонданд,
ва анбиёи Туро, ба сабаби таъкид карданашон,
то сӯи Ту руҷӯъ намоянд, куштанд,
ва куфрҳои азиме ба амал оварданд+.
27 Ва онҳоро ба дасти душманонашон супурдӣ, ва онҳоро ба танг оварданд,
ба онҳо дар замони тангии худ сӯи Ту фарьёд заданд,
ва Ту аз осмон иҷобат намудӣ, ва бар ҳасби марҳамати бузурги Худ
ба онҳо наҷотдиҳандагонро додӣ, ки онҳоро аз дасти душманонашон раҳо карданд+.
28 Вале ҳамин ки онҳо осуда мешуданд, аз нав ба хузури Ту бадкорӣ мекарданд,
ва Ту онҳоро ба дасти душманонашон месупурдӣ, ки бар онҳо хукмронӣ мекарданд;
ва онҳо боз сӯи Ту фарьёд мезаданд,
ва Ту аз осмон иҷобат намуда,
бар ҳасби марҳамати Худ онҳоро дафъаи бисьёр наҷот медодӣ+.
29 Ва онҳоро таъкид менамудӣ, то ки сӯи Тавроти Ту руҷӯъ намоянд,
вале онҳо рафтори шарирона намуда, ба аҳкоми Ту гӯш надоданд,
ва бар хилофи қонунҳои Ту, ки кас агар онҳоро ба ҷо оварад,
зиндагии некӯ мебинад, гуноҳ карданд,
ва аз итоат рӯ тофта ва гарданкашӣ карда, гӯш надоданд+.
30 Ва солҳои бисьёр ба онҳо сабурӣ намудӣ,
ва бо Рӯҳи Худ ба воситаи анбиёи Худ онҳоро таъкид кардӣ,
вале онҳо гӯш надоданд,
ва Ту онҳоро ба дасти қавмҳои кишварҳо супурдӣ+.
31 Валекин бар ҳасби марҳамати бузурги Худ онҳоро комилан маҳв насохтӣ ва тарк накардӣ,
зеро ки Ту Худои карим ва раҳим ҳастӣ+.
32 Ва алҳол, эй Худои мо, эй Худои бузург,
ҷаббор ва саҳмгин, ки аҳд ва марҳаматро нигоҳ медорӣ!
Бигзор тамоми он азобу уқубате ки бар мо:
бар подшоҳони мо, бар сарварони мо,
ва бар коҳинони мо, ва бар анбиёи мо,
ва бар падарони мо, ва бар тамоми қавми Ту

аз айёми подшоҳони Ашшур то имрӯз омадааст, ба хузури Ту кам
нанамояд+.
33 Валекин Ту дар тамоми он чизҳое ки ба сари мо омадааст, одил
ҳастӣ,
зеро ки барҳақ амал кардаӣ, ва мо гуноҳкор ҳастем+.
34 Ва подшоҳони мо, сарварони мо,
коҳинони мо ва падарони мо шариати Туро риоя накарданд,
ба аҳкоми Ту ва ба таъкидҳои Ту, ки ба онҳо амр фармудӣ, гӯш
надоданд+.
35 Ва онҳо дар мамлакати худ,
бо вуҷуди некии бузурге ки Ту ба онҳо кардӣ,
дар замини фароху ҳосилхезе ки Ту ба онҳо бахшидӣ,
Туро ибодат накарданд,
ва аз кирдорҳои бади худ даст накашиданд+.
36 Инак, мо имрӯз ғуломон ҳастем,
ва дар замине ки ба падарони мо додӣ, то мева ва неъмати онро
бихӯрем,
инак, мо дар он ғуломон ҳастем+.
37 Ва ҳосилоти фаровони худро он барои подшоҳоне меоварад,
ки онҳоро Ту ба сабаби гуноҳҳои мо бар мо гузоштаӣ,
ва онҳо бар ҷасадҳои мо ва бар чорпоёни мо ба дилхоҳи худ
ҳукмронӣ мекунанд,
ва мо ба тангии азиме гирифтор ҳастем+.
38 Ва бо ин ҳама мо аҳду паймон бастем ва онро навиштем,
ва сарварони мо, левизодагони мо ва коҳинони мо бар он мӯҳр
гузоштанд»+.

## Рӯйхати шахсоне ки ба аҳднома мӯҳр гузоштаанд.

10 [1] Ва касоне ки мӯҳр гузоштанд, инҳоянд: Наҳемьёи волӣ
ибни Ҳакальё, ва Сидқиё,+
[2] Сароё, Азарьё, Ирмиё,
[3] Фашхур, Амарьё, Малкиё,
[4] Ҳаттуш, Шабаньё, Маллук,+
[5] Ҳорим, Маримут, Убадьё,
[6] Дониёл, Ҷинтун, Борук,
[7] Машуллом, Абийё, Мийёмин,
[8] Маазьё, Билҷай, Шамаъё — инҳо коҳинонанд.
[9] Ва левизодагон: Ешуа ибни Азаньё, Биннуй аз зодагони Ҳенодод,
Қадмиил+.
[10] Ва бародарони онҳо: Шабаньё, Худиё, Қалито, Фалоё, Ҳонон,
[11] Мико, Раҳуб, Ҳашабьё,
[12] Заккур, Шарабьё, Шабаньё,
[13] Ҳудиё, Бонӣ, Банину.
[14] Сардорони қавм: Фаръуш, ҳокими Мӯоб, Элом, Затту, Бонӣ,+
[15] Буннӣ, Азҷод, Бебой,
[16] Адуниё, Биҷвай, Один,
[17] Отир, Ҳизқиё, Аззур,
[18] Ҳудиё, Ҳошум, Бесой,
[19] Ҳориф, Анотӯт, Нибой,
[20] Маҷфиош, Машуллом, Ҳизир,
[21] Машизабъил, Содӯқ, Яддуа,
[22] Фалатьё, Ҳонон, Аноё,
[23] Ҳушиа, Ҳананьё, Ҳашшуб,
[24] Ҳалуҳиш, Филҳо, Шубак,
[25] Раҳум, Ҳашабно, Маасиё,
[26] Аҳиё, Ҳонон, Онон,
[27] Маллук, Ҳорим, Баано.
[28] Ва бақияи қавм: коҳинон, левизодагон, дарбонон, муғанниён,
тобеон ва ҳамаи онҳое ки аз қавмҳои кишварҳо ҷудо шуда, ба
Тавроти Худо пайвастаанд, занон, писарон ва духтарони онҳо, ҳамаи
онҳое ки ба фаҳмидан лаёқат доштанд,+

[29] Бародарони худ ва калоншавандагони худро дастгирӣ карданд,
ва омада, савганду қасам хӯрданд, ки бар тибқи Таврoти Худо, ки ба
воситаи Мусои бандаи Худо дода шудааст, рафтор намоянд, ва
тамоми аҳкоми Худованд Худои мо ва қонунҳо ва фароизи Ӯро нигоҳ
доранд ва ба ҷо оваранд.
[30] Ва духтарони худро ба қавмҳои замин надиҳем, ва духтарони
онҳоро ба писарони худ нагирем+.
[31] Ва чун қавмҳои замин дар рӯзи шанбе мол ва ҳар навъ
хӯрокворӣ барои фурӯш биёранд, аз онҳо дар рӯзи шанбе ва дар
рӯзҳои муқаддас нахарем, ва дар соли ҳафтум коркарди замин ва ҳар
даъвои қарзро тарк кунем+.
[32] Ва ҳамчун ҳукме ба зиммаи худ гирифтем, ки дар як сол сеяки
сиқлро барои хизмати хонаи Худои мо бидиҳем:+
[33] Барои нони тақдим ва ҳадияи ордии доимӣ, барои қурбонии
сӯхтании доимӣ, барои қурбониҳои шанбе, навмоҳ ва идҳо, барои
қурбониҳои ҷамоат, барои қурбонии гуноҳҳо, то кафорате барои
Исроил бишавад, ва барои тамоми кори хонаи Худои мо+.
[34] Ва мо дар миёни коҳинон, левизодагон ва қавм барои ҳадияи
ҳезум қуръа партофтем, ки онро ба хонаи Худои худ мувофиқи
хонаводаҳо сол ба сол дар вақтҳои муайян биёрем, то ки бар
қурбонгоҳи Худованд Худои мо, бар тибқи он чи дар Таврот навишта
шудааст, бисӯзонем;+
[35] Ва навбарҳои замини худ ва навбарҳои ҳар меваи ҳар дарахтро
сол ба сол ба хонаи Худованд биёрем;+
[36] Ва нахустзодаҳои писарони худ ва чорпоёни худро бар тибқи он
чи дар Таврот навишта шудааст, ва нахустзодаҳои говон ва
гӯсфандони худро ба хонаи Худои мо, барои коҳиноне ки дар хонаи
Худои мо хизмат мекунанд, биёрем+.
[37] Ва навбари хамири худ ва ҳадияҳои худ ва меваи ҳар дарахт,
шираи ангур ва равғани зайтунро барои коҳинон ба ҳуҷраҳои хонаи
Худои мо, ва ушри замини худро барои левизодагон хоҳем овард, ки
ин левизодагон ушрро дар ҳамаи шаҳрҳои зироати мо мегиранд+.
[38] Ва ҳангоме ки левизодагон ушр мегиранд, коҳине аз насли
Ҳорун бо левизодагон хоҳад буд, ва левизодагон ушре аз он ушр ба
хонаи Худои мо, ба ҳуҷраҳои махзан хоҳанд овард+.

39 Зеро ки банӣ-Исроил ва зодагони Левӣ ҳадияҳои ғалла, ширави
ангур ва равғани зайтунро бояд ба ҳамин ҳуҷраҳо биёранд, ки дар он
ҷо зарфҳои муқаддас, ва коҳинони хизматгузор, ва дарбонон ва
муғанниён ҳозиранд; ва мо хонаи Худои худро тарк нахоҳем кард+.

## Дар бораи сокинони Ерусалим.

11 [1] •Ва сарварони қавм дар Ерусалим сокин буданд; ва бақияи
қавм қуръа партофтанд, то ки аз даҳ як қисмро барои сукунат
ба шаҳри муқаддаси Ерусалим биёранд, ва нӯҳ қисми боқӣ дар
шаҳрҳои дигар сокин шаванд+.
[2] Ва қавм ҳамаи касонеро, ки бо ихтиёри худ ба маскан гирифтан
дар Ерусалим розӣ шуданд, муборак хонданд.
[3] Ва инҳоянд сардорони мамлакат, ки дар Ерусалим сокин
шуданд, — дар сурате ки дар шаҳрҳои Яҳудо ҳар яке дар мулки худ,
дар шаҳрҳои худ: исроилиён, коҳинон ва левизодагон ва тобеон ва
зодагони ғуломони Сулаймон сокин буданд; —+
[4] Ва дар Ерусалим аз зодагони Яҳудо ва аз зодагони Биньёмин
сокин шуданд. Аз зодагони Яҳудо: Аноё ибни Узиё, ибни Закарьё,
ибни Амарьё, ибни Шафатьё, ибни Маҳалалъил, аз зодагони Форас+.
[5] Ва Маасиё ибни Борук, ибни Колҳуза, ибни Ҳазоё, ибни Адоё,
ибни Юёриб, ибни Закарьё, ибни Шилӯнӣ+.
[6] Ҳамаи зодагони Форас, ки дар Ерусалим сукунат доштанд,
чорсаду шасту ҳашт нафар мардони ҷангӣ буданд.
[7] Ва инҳоянд зодагони Биньёмин: Саллу ибни Машуллом, ибни
Юид, ибни Фадоё, ибни Кулоё, ибни Маасиё, ибни Итиил, ибни
Ишаъё,
[8] Ва баъд аз вай Ҷаббай ва Саллой — нӯҳсаду бисту ҳашт нафар.
[9] Ва Юил ибни Зикрӣ сардори онҳо буд, ва Яҳудо ибни Сануоҳ
муовини раиси шаҳр буд.
[10] Аз коҳинон: Едаъё ибни Юёриб ва Ёкин,
[11] Сароё ибни Ҳилқиё, ибни Машуллом, ибни Содӯқ, ибни Мароют,
ибни Аҳитуб, ки мудири хонаи Худо буд,+
[12] Ва бародарони онҳо, ки хизмати хонаро ба ҷо меоварданд, —
ҳаштсаду бисту ду нафар; ва Адоё ибни Еруҳом, ибни Фалальё, ибни
Амсӣ, ибни Закарьё, ибни Фашхур, ибни Малкиё,
[13] Ва бародарони ӯ, ки сардорони хонаводаҳо буданд, — дусаду
чилу ду нафар; ва Амашсай ибни Азаръил, ибни Аҳзай, ибни
Машиллимут, ибни Иммир,

[14] Ва бародарони онҳо, ки мардони ҷангӣ буданд, саду бисту ҳашт
нафар; ва Забдиил ибни Бузургзодагон сардори онҳо буд.
[15] Ва аз левизодагон: Шамаъё ибни Ҳашшуб, ибни Азриқом, ибни
Ҳашабьё, ибни Буннӣ,
[16] Ва Шабтай ва Юзобод аз сардорони левизодагон — бар корҳои
беруни хонаи Худо,+
[17] Ва Маттаньё ибни Мико, ибни Забдӣ, ибни Ософ — сардори
маросими ҳамду сано ва дуо; ва Бақбуқьё, ки сардори дуюм аз
бародарони ӯ буд; ва Абдо ибни Шаммуа ибни Ҷолол, ибни Едутун+.
[18] Ҷамъи левизодагон дар шаҳри муқаддас — дусаду ҳаштоду чор
нафар.
[19] Ва дарбонон: Аққуб, Талмун ва бародарони онҳо, ки ба
дарвозаҳо нигаҳбонӣ мекарданд, — саду ҳафтоду ду нафар+.

## Сокинони шаҳрҳои дигар.

[20] Ва бақияи исроилиён, коҳинон ва левизодагон — дар ҳамаи
шаҳрҳои Яҳудо, ҳар яке дар мулки худ.
[21] Ва тобеон дар Ӯфал сокин шуданд, ва Сиҳо ва Ҷишфо ба тобеон
сардорӣ мекарданд+.
[22] Ва сардори левизодагон дар Ерусалим Уззӣ ибни Бонӣ, ибни
Ҳашабьё, ибни Маттаньё, ибни Мико, аз зодагони Ософ буд, ки ин
муғанниён дар баробари корҳои хонаи Худо тарона месуруданд,+
[23] Зеро ки хукми подшоҳ дар бораи онҳо буд, ва барои муғанниён
ротибаи ҳаррӯза муқаррар карда шуда буд.
[24] Ва Фатаҳьё ибни Машизабъил, аз зодагони Зораҳ ибни Яҳудо, ба
хузури подшоҳ муваккали ҳар кори оид ба қавм буд+.
[25] Ва баъзе аз зодагони Яхудо дар қасабаҳо, дар худуди саҳроҳои
худ сокин шуданд, чунончи: дар Қирьят-Арбаъ ва деҳоташ, дар Дибӯн
ва деҳоташ, дар Еқабсиил ва қасабаҳояш,
[26] Дар Ешуа, Мулодо ва Байт-Фолат,
[27] Дар Ҳасар-Шуол, Беэр-Шобаъ ва деҳоташ,
[28] Дар Сиқлоҷ, Макуна ва деҳоташ,
[29] Дар Айн-Риммӯн, Соръоҳ, Ярмут,
[30] Зонуҳа, Адуллом ва қасабаҳои онҳо, дар Локиш ва саҳроҳои он,
дар Азиқо ва деҳоташ; ва аз Беэр-Шобаъ то водии Ҳиннум дар
бошишгоҳҳо ҷойгир шуданд.

[31] Ва зодагони Биньёмин: аз Ҷобаъ сар карда, то Микмос, Айё,
Байт-Ил ва деҳоташ,
[32] Анотӯт, Нуб, Ананьё,
[33] Ҳосӯр, Ромо, Ҷиттоим,
[34] Ҳодид, Сабӯим, Набаллот,
[35] Луд, Уну ва Дараи косибон.
[36] Ва баъзе аз левизодагон аз мулки Яхудо ба мулки Биньёмин
гузашта, сокин шуданд.

## Коҳинон ва левизодагоне ки ҳамроҳи Зарубобил буданд.

# 12

[1] Ва инҳоянд коҳинон ва левизодагоне ки бо Зарубобил ибни
Шаалтиил ва Ешуа баромадаанд: Сароё, Ирмиё, Эзро,+
[2] Амарьё, Маллук, Ҳаттуш,
[3] Шаканьё, Раҳум, Маримут,
[4] Идду, Ҷинтуй, Абийё,
[5] Мийёмин, Меадьё, Билҷо,
[6] Шамаъё, Юёриб, Едаъё,
[7] Саллу, Омуқ, Ҳилқиё, Едаъё — инҳоянд сардорони коҳинон ва
бародаронашон дар айёми Ешуа.
[8] Ва левизодагон: Ешуа, Биннуй, Қадмиил, Шарабьё, Яҳудо,
Маттаньё, ки роҳбари маддоҳон буд, — ӯ ва бародаронаш,+
[9] Ва Бақбуқьё ва Уннӣ ва бародаронашон, ки дар муқобили онҳо бо
навбат хизмат мекарданд.

## Насабномаи коҳинон.

[10] Ва Ешуа Юёқимро ба дуньё овард, ва Юёқим Эльёшибро ба дуньё
овард, ва Эльёшиб Юёдоъро ба дуньё овард,+
[11] Ва Юёдоъ Юнотонро ба дуньё овард, ва Юнотон Яддуаро ба дуньё
овард.
[12] Ва дар айёми Юёқим ин коҳинон сардорони хонаводаҳо буданд:
дар Сароё — Мароё, дар Ирмиё — Ҳананьё,
[13] Дар Эзро — Машуллом, дар Амарьё — Еҳуҳонон,
[14] Дар Малику — Юнотон, дар Шабаньё — Юсуф,
[15] Дар Ҳорим — Адно, дар Мароют — Ҳелқой,
[16] Дар Идду — Закарьё, дар Ҷинтун — Машуллом,+
[17] Дар Абийё — Зикрӣ, дар Миньёмин ва Муадьё — Филтой,
[18] Дар Билҷо — Шаммуа, дар Шамаъё — Еҳунотон,
[19] Дар Юёриб — Матнай, дар Едаъё — Уззӣ,
[20] Дар Саллай — Қаллай, дар Омуқ — Эбар,
[21] Дар Ҳилқиё — Ҳашабьё, дар Едаъё — Натанъил.
[22] Левизодагон дар айёми Эльёшиб, Юёдоъ, Юҳонон ва Яддуа дар
рӯйхати «Сардорони хонаводаҳо ва коҳинон дар замони подшоҳии
Дорьёвеши Форс» навишта шудаанд+.

23 Зодагони Левӣ, сардорони хонаводаҳо, дар китоби
«Вақоеънома» то айёми Юҳонон ибни Эльёшиб навишта шудаанд.
24 Ва сардорони левизодагон: Ҳашабьё, Шарабьё ва Ешуа ибни
Қадмиил; ва бародаронашон дар муқобили онҳо, то ки бар тибқи
амри Довуди бандаи Худо, навбат ба навбат, мадҳ гӯянд ва ҳамду
сано хонанд, —+
25 Маттаньё, Бақбуқьё ва Убадьё; Машуллом, Талмун ва Аққуб
посбонон ва дарбононе буданд, ки бо навбат назди остонаи дарвозаҳо
посбонӣ мекарданд+.
26 Инҳо дар айёми Юёқим ибни Ешуа ибни Юсодоқ ва дар айёми
Наҳемьёи волӣ ва Эзрои коҳини китобдон буданд+.

## Тақдис кардани ҳисори Ерусалим.

27 Ва дар вақти тақдиси ҳисори Ерусалим левизодагонро аз ҳамаи
маконҳошон чустуҷӯ карданд, то ки онҳоро ба Ерусалим биёранд, ва
бо шодмонӣ, мадҳгӯӣ ва сурудхонӣ, ва бо санҷҳо, удҳо ва барбатҳо
тақдис намоянд+.
28 Ва зодагони муғанниён аз ноҳияи гирду атрофи Ерусалим, ва аз
қасабаҳои Натуфо ҷамъ шуданд,
29 Ва аз Байт-Ҷилҷол, ва аз саҳроҳои Ҷобаъ ва Азмавт низ; зеро ки
муғанниён дар гирду атрофи Ерусалим қасабаҳо барои худ бино
карда буданд.
30 Ва коҳинону левизодагон таҳорат намуданд, ва қавм ва
дарвозаҳо ва ҳисорро татҳир карданд+.
31 Ва ман сарварони Яҳудоро ба болои ҳисор баровардам, ва ду
гурӯҳи калони маддоҳонро барои рафтори ботантана таъин
намудам, ва яке аз онҳо ба тарафи рост, бар сари ҳисор, сӯи дарвозаи
Хокрӯба равона шуданд,+
32 Ва аз ақиби онҳо — Хушаъё ва нисфи сарварони Яхудо,
33 Ва Азарьё, Эзро ва Машуллом,
34 Ва Яҳудо, Биньёмин, Шамаъё ва Ирмиё;
35 Ва аз зодагони коҳинон бо карнайҳо: Закарьё ибни Юнотон,
ибни Шамаъё, ибни Маттаньё, ибни Микоё, ибни Заккур, ибни Ософ,+
36 Ва бародарони ӯ: Шамаъё, Азаръил, Милалай, Ҷилалай, Моай,
Натанъил, Яҳудо ва Ҳанонӣ бо асбоби мусиқии Довуди марди Худо;
ва Эзрои китобдон пешопеши онҳо+.

37 Ва назди дарвозаи Чашма, ки дар муқобили онҳо буд, бар
зинаҳои шаҳри Довуд, бар фарози ҳисор баромаданд ва аз болои
хонаи Довуд гузашта, то дарвозаи Об, ки дар шарқ буд, омаданд+.
38 Ва гурӯҳи дуюми маддоҳон ба тарафи чап равона шуданд, ва
ман ва нисфи қавм аз ақиби онҳо бар сари ҳисор, аз бурҷи Танӯр то
ҳисори васеъ рафтем;+
39 Ва онҳо аз болои дарвозаи Эфроим, ва дарвозаи Кӯҳна, ва
дарвозаи Моҳӣ, ва бурҷи Ҳананъил, ва бурҷи Меоҳ то дарвозаи
Гӯсфанд рафта, назди дарвозаи Посгоҳ истоданд+.
40 Ва ду гурӯҳи маддоҳон дар хонаи Худо истоданд, ва ман, ва
нисфи сарварон бо ман.
41 Ва коҳинон: Эльёқим, Маасиё, Миньёмин, Микоё, Эльюэнай,
Закарьё ва Ҳананьё бо карнайҳо,
42 Ва Маасиё, Шамаъё, Элъозор, Уззӣ, Еҳуҳонон, Малкиё, Элом ва
Озар. Ва муғанниён сурудхонӣ карданд; ва Израҳьё сардорашон буд.
43 Ва дар он рӯз қурбониҳои зиёде забҳ намуда, хурсандӣ карданд,
зеро ки Худо онҳоро бағоят шод карда буд, ва занону бачагон низ
хурсандӣ карданд, ва шодмонии Ерусалим то ҷойҳои дурдаст
шунида шуд.

## Дар маъбад тартиб барқарор карда шуд.

44 Ва дар он рӯз бар хуҷраҳои махзан барои ионатҳо, навбарҳо ва
ушрҳо одамон таъин карда шуданд, то ки аз киштзорҳои шаҳрҳо
ҳиссаҳои коҳинон ва левизодагонро мувофиқи Таврот ҷамъ кунанд,
зеро аҳли Яҳудо аз он шод буданд, ки коҳинон ва левизодагон ба
хизмат меистоданд,
45 Ва хизмати Худои худ ва корҳои татҳирро ба ҷо меоварданд, ва
бар тибқи амри Довуд ва писараш Сулаймон вазифаи муғанниён ва
дарбононро иҷро мекарданд,
46 Ва мисли он ки дар айёми Довуд ва Ософи сардори муғанниён
аз қадим буд, сурудҳои ҳамду сано барои Худо мехонданд+.
47 Ва тамоми Исроил дар айёми Зарубобил ва дар айёми Наҳемьё
ҳиссаҳои муғанниён ва дарбононро рӯз ба рӯз медоданд, яъне онҳо
вақф ба левизодагон медоданд, ва левизодагон вақф ба зодагони
Ҳорун медоданд+.

## Наҳемьё бо ҷидду ҷаҳд ба муқобили бетартибиҳо мубориза мебарад.

**13** 1 Дар он рӯз китоби Мусоро ба самъи қавм хонданд, ва дар он чунин навиштае ёфт шуд, ки «аммӯнӣ ва мӯобӣ ҳаргиз ба ҷамоати Худо дохил нахоҳанд шуд,+

2 Зеро ки онҳо банӣ-Исроилро бо нон ва об пешвоз нагирифтанд, балки Билъомро бар зидди онҳо киро карданд, то ки онҳоро лаънат намояд, валекин Худо лаънатро ба баракат табдил дод»+.

3 Ва чун Тавротро шуниданд, ҳамаи омезишьёфтагонро аз Исроил ҷудо карданд+.

4 Ва пеш аз ин Эльёшиби коҳин, ки дар як ҳуҷраи хонаи Худои мо, дар наздикии Тубиё сукунат дошт,+

5 Барои ӯ ҳуҷраи калоне муҳайё карда буд, ки пештар ҳадияҳои ордӣ, бухур ва зарфҳо, ва ушри ғалла, шираи ангур ва равғани зайтунро, ки ҳиссаи левизодагон, муғанниён ва дарбонон буд, ва ионати коҳинонро дар он ҷо мегузоштанд.

6 Ва дар он вақт ман дар Ерусалим набудам, зеро ки дар соли сиву дуюми Артаҳшасто, подшоҳи Бобил, назди подшоҳ рафтам, ва пас аз айёме аз подшоҳ барои худ иҷозат гирифтам+.

## Наҳемьё бори дуюм ба Ерусалим меояд.

7 Ва чун ба Ерусалим расидам, аз кирдори баде ки Эльёшиб ба хотири Тубиё карда буд, яъне барои ӯ дар саҳни хонаи Худо хуҷрае муҳайё намуда буд, хабар ёфтам,

8 Ва ин дар назари ман бағоят зишт намуд, ва ман тамоми бисоти хонаи Тубиёро аз ҳуҷра берун партофтам,

9 Ва амр фармудам, ва ҳуҷраро татҳир карданд, ва зарфҳои хонаи Худо, ҳадияҳои ордӣ ва бухурро ба он ҷо баргардонидам+.

10 Ва фаҳмидам, ки ҳиссаҳои левизодагон ба онҳо дода нашудааст, ва левизодагону муғанниёне ки ба хизматгузорӣ машғул буданд, ҳар яке ба киштзори худ гурехта рафтаанд+.

11 Ва ман сардоронро мазаммат намуда, гуфтам: «Чаро хонаи Худо тарк карда шудааст?» Ва онҳоро ҷамъ карда, дар ҷойҳошон гузоштам+.

[12] Ва тамоми аҳли Яҳудо ушри ғалла, шираи ангур ва равғани
зайтунро ба махзанҳо овардан гирифтанд+.
[13] Ва Шаламьёи коҳин ва Содӯқи китобдон ва Фадоёро, ки аз
левизодагон буд, ва дар паҳлуяшон Ҳонон ибни Заккур, ибни
Маттаньёро бар махзанҳо таъин намудам, зеро ки онҳо шахсони
амин ҳисоб меёфтанд, ва вазифаи онҳо ин буд, ки ҳиссаҳоро ба
бародарони худ тақсим кунанд.
[14] Маро, эй Худои ман, барои ин ба ёд овар, ва аъмоли неки маро,
ки барои хонаи Худои худ ва барои хизматгузорони он кардаам, маҳв
насоз!+

## Хор доштани оромии рӯзи шанбе.

[15] Дар он айём дар Яҳудо дидам, ки дар рӯзи шанбе чархуштҳоро
пахш мекарданд, ва хирманҳоро кашонда меоварданд, ва шароб,
ангур ва анҷир ва ҳар бори дигарро ба харҳо бор карда, дар рӯзи
шанбе ба Ерусалим медароварданд; ва мушоҳида намудам, ки дар он
рӯз ба фурӯхтани хӯрокворӣ машғул мешуданд+.
[16] Ва сӯриёне ки дар Яҳудо иқомат доштанд, моҳӣ ва ҳар навъ мол
оварда, ба сокинони Яҳудо ва Ерусалим мефурӯхтанд.
[17] Ва ман калоншавандагони Яҳудоро мазаммат намуда, ба онҳо
гуфтам: «Ин чӣ кори бад аст, ки шумо мекунед ва рӯзи шанберо хор
медоред?
[18] Падарони шумо, охир, чунин амал карданд, ва Худои мо тамоми
ин мусибатро бар мо ва бар ин шаҳр овард; ва шумо рӯзи шанберо
хор дошта, ғазабро бар Исроил афзун мекунед?»
[19] Ва чун дарвозаҳои Ерусалим пеш аз шанбе соякандоз шуд, амр
фармудам, ва дарҳоро бастанд; ва амр фармудам, ки то анҷоми
шанбе онҳоро накушоянд; ва аз навкарони худ назди дарвозаҳо
гузоштам, то ки дар рӯзи шанбе ҳеҷ боре оварда нашавад.
[20] Ва савдогарон ва фурӯшандагони ҳар навъ мол як-ду бор берун
аз Ерусалим шабро гузаронданд.
[21] Ва ман онҳоро таъкид намуда, гуфтам: «Чаро шумо назди ҳисор
шабро мегузаронед? Агар бори дигар чунин кунед, даст бар шумо
хоҳам андохт!» Аз ҳамон вақт дигар дар рӯзи шанбе наомаданд.
[22] Ва ба левизодагон амр фармудам, ки таҳорат карда, барои
нигаҳбонии дарвозаҳо биёянд, то ки рӯзи шанберо тақдис намоянд.

Инро низ, эй Худои ман, барои ман ба ёд овар ва бар ҳасби
марҳамати бузурги Худ бар ман шафқат намо!+

## Манъ кардани никоҳ бо занони аҷнабӣ.

23 Дар он айём низ яҳудиёнро дидам, ки занони ашдӯдӣ, аммӯнӣ
ва мӯобӣ гирифтаанд;+
24 Ва писарони онҳо қисман ба забони ашдӯдӣ гап мезаданд, ва ба
забони яҳудӣ наметавонистанд сухан ронанд, балки ба забони ин ё
он қавм.
25 Ва ман онҳоро мазаммат намудам, ва ба онҳо лаънат хондам, ва
баъзе касонро аз байни онҳо кӯфтам, ва мӯйҳошонро кандам, ва
онҳоро ба Худо қасам дода, гуфтам: «Духтарони худро ба писарони
онҳо надиҳед, ва духтарони онҳоро барои писарони худ ва барои худ
нагиред+.
26 Сулаймон, подшоҳи Исроил, охир, ба туфайли ҳаминҳо гуноҳ
карда буд, ва ҳол он ки дар миёни халқҳои бисьёр подшоҳе мисли ӯ
набуд! Ва ӯ барои Худои худ маҳбуб буд, ва Худо ӯро бар тамоми
Исроил подшоҳ карда буд, — аммо ӯро низ занони аҷнабӣ дар роҳи
гуноҳ андохтанд!+
27 Пас, оё мо метавонем ба суханони шумо гӯш дода, ин шарорати
азимро ба амал оварем, яъне ба Худои худ хиёнат карда, занони
аҷнабӣ бигирем?»+
28 Ва аз зодагони Юёдоъ ибни Эльёшиби саркоҳин ман якеро, ки
домоди Санбалати хӯрӯнӣ буд, аз пеши худ рондам+.
29 Онҳоро, эй Худои ман, барои он ба ёд овар, ки каҳонатро, ва
аҳди коҳинон ва левизодагонро палид кардаанд!+
30 Ва ман онҳоро аз ҳар чизи аҷнабӣ татҳир намудам, ва
хизматгузории коҳинон ва левизодагонро аз нав барқарор кардам, то
ҳар яке ба кори худ машғул шавад;
31 Ва овардани ҳадияи ҳезумро дар вақтҳои муайян, ва навбарҳоро
низ. Маро, эй Худои ман, ба некӯӣ ба ёд овар!+

---

+ 1:1 Наҳ. 10:1, Наҳ. 2:1, Зак. 7:1, Эст. 1:2, Дон. 8:2

+ 1:2 Наҳ. 7:2

+ 1:3 Наҳ. 2:17, Заб. 43:14, Заб. 78:4, 4 Подш. 25:9-10

+ 1:5 Наҳ. 9:32, Дон. 9:4

+ 1:6 2 Вак. 6:40, Заб. 129:2, Эзр. 10:1, Дон. 9:18, Дон. 9:20

+ 1:7 Так. Шар. 28:15, Дон. 9:5

+ 1:8 Иб. 26:33, Так. Шар. 28:64

+ 1:9 Иб. 26:40-42, Так. Шар. 30:1-4

+ 1:10 Так. Шар. 9:29

+ 1:11 Ҳас. 40:5

+ 2:1 Эст. 3:7, Эзр. 4:7, Эзр. 7:1, Наҳ. 1:1

+ 2:2 Мас. 15:13

+ 2:3 3 Подш. 1:31, Ҳач. 1:4, 4 Подш. 25:9-10

+ 2:7 Эзр. 8:36

+ 2:8 Эзр. 7:6

+ 2:10 Наҳ. 2:19, Наҳ. 4:1, Наҳ. 6:1, Наҳ. 13:28, Наҳ. 13:4, Эст. 10:3

+ 2:11 Эзр. 8:32

+ 2:13 2 Вак. 26:9, Наҳ. 3:13, Наҳ. 3:13, Наҳ. 3:14

+ 2:14 Нах. 3:15, Нах. 12:37, 4 Подш. 20:20

+ 2:15 2 Вак. 26:9, Нах. 3:13

+ 2:17 4 Подш. 25:9-10, Нах. 1:3, Заб. 43:14, Заб. 78:4

+ 2:19 Нах. 2:10, Нах. 6:6

+ 3:1 Эзр. 10:6, Нах. 3:30, Нах. 12:39, Юх. 5:2, Ирм. 31:38, Зак. 14:10

+ 3:2 Эзр. 2:34

+ 3:3 Нах. 12:39, 2 Вак. 33:14, Саф. 1:10, Эзр. 2:35

+ 3:4 Эзр. 8:33

+ 3:5 2 Подш. 14:2, 2 Вак. 11:6, Ом. 1:1

+ 3:8 Нах. 12:38

+ 3:11 Нах. 12:38

+ 3:13 2 Вак. 26:9, Нах. 2:13, Нах. 2:15, Нах. 2:13

+ 3:14 Ирм. 6:1

+ 3:15 Нах. 2:14, Нах. 12:37, 4 Подш. 25:4, Ирм. 52:7, Нах. 12:37

+ 3:16 3 Подш. 2:10, Аъм. 2:29

+ 3:20 Эзр. 10:6, Нах. 3:1

+ 3:21 Наҳ. 3:4

+ 3:25 Ирм. 32:2

+ 3:26 Наҳ. 8:1, Наҳ. 8:3, Наҳ. 8:16, Наҳ. 12:37

+ 3:27 Наҳ. 3:5

+ 3:28 2 Вак. 23:15

+ 3:29 1 Вақ. 3:22

+ 3:30 Наҳ. 3:4

+ 3:32 Наҳ. 3:1, Наҳ. 12:39, Юҳ. 5:2

+ 4:1 Наҳ. 2:10, Наҳ. 2:19, Наҳ. 6:1, Наҳ. 13:28

+ 4:2 4 Подш. 17:24

+ 4:3 Наҳ. 2:10, Наҳ. 2:19, Наҳ. 13:4

+ 4:4 Заб. 122:3, Заб. 78:12

+ 4:5 Заб. 68:28, Ирм. 18:23

+ 4:8 Заб. 82:3-5

+ 4:14 Так. Шар. 1:29, Так. Шар. 7:21, Так. Шар. 10:17

+ 4:20 Хур. 14:14

+ 5:1 Иб. 25:35, Иб. 25:37, Так. Шар. 15:7

+ 5:5 Иб. 25:39-41, 4 Подш. 4:1, Мат. 18:25

+ 5:7 Хур. 22:25, Иб. 25:36

+ 5:8 Иб. 25:48-49

+ 5:9 Наҳ. 4:4, Иб. 25:36

+ 5:12 Эзр. 10:5

+ 5:13 Аъм. 18:6

+ 5:14 Наҳ. 2:1, Наҳ. 13:6

+ 5:19 Наҳ. 13:14, Наҳ. 13:22, Наҳ. 13:31

+ 6:1 Наҳ. 2:10, Наҳ. 2:19, Наҳ. 4:1, Наҳ. 13:28

+ 6:2 1 Вақ. 8:12

+ 6:6 Наҳ. 2:19

+ 6:14 Наҳ. 13:29

+ 6:18 Наҳ. 3:4, Наҳ. 3:30

+ 7:2 Наҳ. 1:2

+ 7:3 Заб. 147:3

● *7:4 Эзр. 2*

+ 7:6 4 Подш. 24:14-16, 4 Подш. 25:11, 2 Вак. 36:23

+ 7:7 Эзр. 3:2, Наҳ. 12:1

+ 7:8 Эзр. 8:3, Эзр. 10:25

+ 7:36 Наҳ. 3:2

+ 7:38 Наҳ. 3:3

+ 7:39 1 Вақ. 24:7

+ 7:40 Эзр. 10:20

+ 7:41 1 Вақ. 9:12, Эзр. 10:22

+ 7:42 Эзр. 10:21

+ 7:44 Эзр. 10:24, 1 Вақ. 6:41

+ 7:45 1 Вақ. 9:17

+ 7:46 1 Вақ. 9:2, Наҳ. 11:3

+ 7:57 Наҳ. 11:3

+ 7:63 2 Подш. 17:27, 2 Подш. 19:31

+ 7:65 Иб. 22:2

+ 8:1 Наҳ. 3:26, Наҳ. 12:37, Эзр. 3:1, Эзр. 7:6

+ 8:3 Так. Шар. 31:11

+ 8:6 Заб. 133:2, Нав. 3:41

+ 8:12 Эст. 9:19, Эст. 9:22

+ 8:14 Иб. 23:33-43, Так. Шар. 16:13-15

+ 8:16 Наҳ. 3:26, 4 Подш. 14:13, Наҳ. 12:39

+ 8:18 Так. Шар. 31:11, Иб. 23:36, Ад. 29:35

+ 9:1 Наҳ. 8:2, Еҳ. 7:6, 1 Подш. 4:12

+ 9:2 Эзр. 6:21, Наҳ. 10:28, Наҳ. 13:3, Иб. 26:40, 3 Подш. 8:47, 2 Вак. 6:37, Дон. 9:4

+ 9:6 4 Подш. 19:15, Так. Шар. 10:14

+ 9:7 Ҳас. 11:31, Ҳас. 17:5

+ 9:8 Ҳас. 15:6, Ҳас. 15:18, Еҳ. 21:45, Еҳ. 23:14, 3 Подш. 8:56

+ 9:9 Хур. 3:7, Хур. 14:10

+ 9:10 Хур. 7

+ 9:11 Хур. 14:21-29

+ 9:12 Хур. 13:21

+ 9:13 Хур. 19:18-20, Хур. 20:1-17

+ 9:14 Хур. 16:23, Хур. 20:8-11

+ 9:15 Хур. 16:4, Хур. 16:15, Хур. 17:1-7, Так. Шар. 1:8

+ 9:17 Ад. 14:1-4, Хур. 34:6

+ 9:18 Хур. 32:4

+ 9:19 Заб. 105:45, Ад. 9:17-23

+ 9:20 Ад. 11:17, Так. Шар. 8:3, Ад. 20:11

+ 9:21 Хур. 16:35, Так. Шар. 8:4, Так. Шар. 29:5

+ 9:22 Ад. 21:21-35

+ 9:23 Ҳас. 15:5, Ҳас. 22:17, Так. Шар. 10:22

+ 9:24 Еҳ. 11:23, Заб. 43:3-4

+ 9:25 Так. Шар. 6:10-11, Так. Шар. 32:15

+ 9:26 Дов. 2:11-12, Заб. 49:17, 3 Подш. 18:4, 2 Вак. 24:21, Ирм. 2:30, Мат. 23:37, Аъм. 7:52

+ 9:27 Дов. 2:14, Заб. 105:45, Дов. 2:16, Дов. 3:9, 4 Подш. 13:5

+ 9:28 Дов. 3:12, Дов. 4:1, Дов. 6:1, Заб. 105:43

+ 9:29 Иб. 18:5

+ 9:30 4 Подш. 17:13

+ 9:31 Заб. 105:45, Хур. 34:6

+ 9:32 Нах. 1:5, Дон. 9:4, 4 Подш. 17:3-4

+ 9:33 Эзр. 9:15, Дон. 9:14

+ 9:34 Дон. 9:6

+ 9:35 Так. Шар. 28:47

+ 9:36 Эзр. 9:9

+ 9:37 Так. Шар. 28:33, Так. Шар. 28:51

+ 9:38 Эзр. 10:3

+ 10:1 Нах. 12:2-21, Нах. 1:1, Нах. 8:9

+ 10:4 Эзр. 8:2

+ 10:9 Эзр. 3:9, Эзр. 2:40

+ 10:14 Эзр. 2:3-35

+ 10:28 Эзр. 6:21, Нах. 9:2, Нах. 13:3

+ 10:30 Хур. 34:16, Так. Шар. 7:3

+ 10:31 Хур. 23:10-11, Иб. 25:2-7, Так. Шар. 15:1

+ 10:32 Хур. 30:12-13

+ 10:33 Хур. 25:30, Иб. 24:5-9

+ 10:34 Наҳ. 13:31, Иб. 6:12

+ 10:35 Хур. 23:19, Хур. 34:26, Так. Шар. 26:2

+ 10:36 Хур. 13:2

+ 10:37 1 Вақ. 9:26, 2 Вақ. 31:11, Так. Шар. 18:4, Ад. 18:21

+ 10:38 Ад. 18:26

+ 10:39 2 Вақ. 31:11, 1 Вақ. 9:33, Наҳ. 13:11

● 11:1 *1 Вақ. 9:1-22*

+ 11:1 Иш. 48:2, Дон. 9:24, Мат. 4:5, Мат. 27:53, 1 Вақ. 24:31, 1 Вақ. 25:8, 1 Вақ. 26:13

+ 11:3 Эзр. 2:43, Наҳ. 7:46, Эзр. 2:55, Наҳ. 7:57

+ 11:4 Ҳас. 38:29

+ 11:5 Ҳас. 38:5, Ад. 26:20, 1 Вақ. 4:21

+ 11:11 1 Вақ. 6:12-13, 1 Вақ. 9:11

+ 11:16 Эзр. 10:15, Эзр. 8:33, 1 Вақ. 26:29

+ 11:17 1 Вақ. 6:39, Нах. 12:8, 1 Вақ. 16:41-42

+ 11:19 Эзр. 2:42, Нах. 7:45

+ 11:21 2 Вақ. 27:3, Нах. 3:26

+ 11:22 1 Вақ. 6:39

+ 11:24 Ад. 26:13, Ад. 26:19

+ 12:1 1 Вақ. 3:19, Эзр. 3:2, Ҳаҷ. 1:1, Ҳаҷ. 2:20-23, Зак. 4:6-10, Нах. 10:2-8

+ 12:8 Нах. 11:17

+ 12:10 Эзр. 3:2, Зак. 3:1

+ 12:16 Зак. 1:1

+ 12:22 Эзр. 10:6

+ 12:24 Эзр. 8:19, Эзр. 8:18, Эзр. 2:40, 1 Вақ. 25:1

+ 12:25 1 Вақ. 26:15

+ 12:26 Нах. 12:10

+ 12:27 1 Вақ. 15:16

+ 12:30 Нах. 13:22

+ 12:31 Нах. 2:13, Нах. 3:13

+ 12:35 1 Вақ. 6:39

+ 12:36 1 Вақ. 23:5, 2 Вақ. 29:26

+ 12:37 Нах. 2:14, Нах. 3:15, Нах. 3:26, Нах. 8:1, Нах. 8:3, Нах. 8:16

+ 12:38 Нах. 3:11, Нах. 3:8

+ 12:39 Нах. 8:16, Нах. 3:3, 2 Вақ. 33:14, Саф. 1:10, Нах. 3:1, Нах. 3:1, Юх. 5:2, Нах. 3:25

+ 12:46 1 Вақ. 25:1, 1 Вақ. 26:12

+ 12:47 Ад. 18:21-28

+ 13:1 Нах. 8:3, Так. Шар. 23:3-4

+ 13:2 Ад. 22:5-6, Так. Шар. 23:3-6

+ 13:3 Эзр. 6:21, Нах. 9:2, Нах. 10:28

+ 13:4 Нах. 12:44, Нах. 2:10, Нах. 2:19, Ад. 18:21, Ад. 18:24

+ 13:6 Нах. 5:14

+ 13:9 2 Вақ. 29:15-16

+ 13:10 Так. Шар. 12:19

+ 13:11 Нах. 10:39

+ 13:12 2 Вак. 31:5

+ 13:14 Нах. 5:19, Нах. 13:22, Нах. 13:31

+ 13:15 Хур. 20:8-10, Ирм. 17:21

+ 13:22 Нах. 12:30, Нах. 5:19, Нах. 13:14, Нах. 13:31

+ 13:23 Эзр. 9:2, Эзр. 10:5, Мал. 2:11

+ 13:25 Хур. 34:15-16, Так. Шар. 7:3-4

+ 13:26 Так. Шар. 17:17, 3 Подш. 11:2-4

+ 13:27 Эзр. 10:2

+ 13:28 Нах. 2:10, Нах. 4:1, Нах. 6:1

+ 13:29 Нах. 6:14

+ 13:31 Нах. 10:34, Нах. 5:19, Нах. 13:14, Нах. 13:22

*КИТОБИ*

# ЭСТЕР

[1](#) [2](#) [3](#) [4](#) [5](#) [6](#) [7](#) [8](#) [9](#) [10](#)

## Аҳашверӯш Ваштии маликаро рад мекунад.

1 1 Ва воқеъ шуд дар айёми Аҳашверӯш, — ҳамон Аҳашверӯш, ки аз Ҳинд то Ҳабаш бар саду бисту ҳафт вилоят подшоҳӣ мекард, —+

2 Дар он айём, ки подшоҳ Аҳашверӯш бар тахти хисравии худ дар Шушани пойтахт нишаста буд,+

3 Ва дар соли сеюми подшоҳии худ ӯ барои ҳамаи мирон ва маъмуронаш базм барпо кард, ва сипоҳиёни Форс ва Модай, аъёну ашроф ва ҳокимони вилоятҳо дар ҳузури ӯ буданд,

4 Дар сурате ки ӯ айёми зиёде, саду ҳаштод рӯз, сарвату ҷалоли хисравии худ ва шаъну шавкати бузургии худро нишон медод.

5 Ва чун он рӯзҳо ба итмом расид, подшоҳ барои тамоми қавме ки дар Шушани пойтахт аз бузург то хурд ҳозир буданд, дар саҳни боғи қасри подшоҳ базми ҳафтрӯза барпо кард.

6 Пардаҳо аз матои маҳини сафед ва лоҷвард бо риштаҳои катони сафед ва арғувон бар ҳалқаҳои нуқра ва сутунҳои мармар овезон буд; катҳои тилло ва нуқра бар фарше аз мармари сабз, сиёҳ, садафгун ва сурх истода буд.

7 Ва нӯшокиҳо дар зарфҳои тилло буд, ва зарфҳо аз зарфҳои гуногуншакл иборат буд; ва шароби хисравӣ мувофиқи ҳиммати подшоҳ фаровон буд;

8 Ва шаробнӯшӣ ба муддаои табъ буд: касеро маҷбур намекарданд, зеро подшоҳ ба ҳамаи маъмурони хонаи худ амр фармуда буд, ки ба дилхоҳи ҳар кас амал кунанд.

9 Ваштии малика низ дар хонаи хисравии подшоҳ Аҳашверӯш базме барои занон барпо кард.

10 Дар рӯзи ҳафтум, вақте ки подшоҳ аз шароб дилхуш шуд, ба Меҳумон, Бизто, Ҳарбӯно, Бинто, Абанто, Зетар ва Каркас — ҳафт хоҷасарое ки ба хузури подшоҳ Аҳашверӯш хизмат мекарданд, — амр кард,+

11 Ки Ваштии маликаро бо афсари хисравӣ ба ҳузури подшоҳ биёваранд, то ки зебоии варо ба қавмон ва мирон нишон диҳад, зеро ки вай хушрӯй буд.

12 Вале Ваштии малика бо амре ки подшоҳ ба воситаи хоҷасароён фармуда буд, нахост биёяд, ва подшоҳ бағоят хашмгин шуда, ғазабаш андаруни ӯ аланга зад.

13 Ва подшоҳ ба ҳакимони донандаи таворих гуфт, чунки равиши подшоҳ ин буд, ки бо ҳамаи донандагони қонун ва ҳуқуқ машварат кунад.

14 Ва муқаррабони ӯ Каршено, Шетор, Адмото, Таршиш, Мерес, Марсено ва Мемухон буданд, ки ин ҳафт мири Форс ва Модай чеҳраи подшоҳро медиданд ва дар сафи аввали назди тахти хисравӣ менишастанд:+

15 «Аз рӯи қонун ба Ваштии малика чӣ бояд кард барои он ки вай амреро, ки подшоҳ Аҳашверӯш ба воситаи хоҷасароён фармуд, ба ҷо наовард?»

16 Ва Мемухон ба ҳузури подшоҳ ва мирон гуфт: «Ваштии малика на танҳо бар зидди подшоҳ гуноҳкор шуд, балки низ бар зидди ҳамаи мирон ва бар зидди ҳамаи қавмоне ки дар ҳамаи вилоятҳои подшоҳ Аҳашверӯш мебошанд,

17 Чунки рафтори малика дар миёни ҳамаи занон овоза шуда, шавҳарҳошон дар назарашон беқадр хоҳанд шуд, ва онҳо хоҳанд гуфт: „Подшоҳ Аҳашверӯш амр кард, ки Ваштии маликаро ба ҳузури ӯ биёваранд, вале вай наомад“.

18 Ва имрӯз хонумҳои Форс ва Модай, ки рафтори маликаро шуниданд, ба ҳамаи мирони подшоҳ чунин хоҳанд гуфт, ва ин боиси таҳқир ва хашми зиёде хоҳад шуд.

19 Агар подшоҳ салоҳ донад, бигзор амри хисравонае аз ҷониби ӯ навишта, дар Форс ва Модай ба таври мансухнопазир ба ҳукми қонун даровarда шавад, ки Ваштӣ дигар ба ҳузури подшоҳ Аҳашверӯш наояд, ва подшоҳ унвони хисравонаи варо ба зани дигаре ки аз вай беҳтар бошад, бидиҳад+.

20 Ва фармони подшоҳ ба самъи мардум расида, дар тамоми мамлакати ӯ, ҳарчанд ки азим аст, асар хоҳад бахшид, ва ҳамаи занон ба шавҳарҳои худ аз бузург то хурд қадрдонӣ хоҳанд кард»+.

21 Ва ин сухан дар назари подшоҳ ва мирон писанд афтод, ва подшоҳ аз рӯи сухани Мемухон амал кард.

22 Ва мактубҳо ба ҳамаи вилоятҳои подшоҳ, ба ҳар вилоят бо хати он ва ба ҳар қавм бо забони он равона кард, то ки ҳар мард бо забони қавми худ сухан ронда, дар хонаи худ ҳукмфармо бошад.

## Эстер малика мешавад.

**2** [1] Баъд аз ин воқеот, вақте ки ғазаби подшоҳ Аҳашверӯш таскин
ёфт, ӯ Ваштиро, ва рафтореро, ки вай карда буд, ва ҳукмеро, ки дар
ҳаққи вай бароварда шуда буд, ба ёд овард+.
[2] Ва навкарони подшоҳ, ки дар ҳузури ӯ хизмат мекарданд,
гуфтанд: «Бигзор барои подшоҳ духтарони бокираи хушрӯйро
ҷустуҷӯ намоянд,
[3] Ва подшоҳ дар ҳамаи вилоятҳои мамлакати худ нозиронро
таъин кунад, ва онҳо ҳар духтари бокираи хушрӯйро дар Шушани
пойтахт, дар хонаи занон, зери дасти Ҳеҷои хоҷасарои подшоҳ, ки
нигаҳбони занон аст, ҷамъ кунанд, ва лавозимоти ороиш ба онҳо
дода шавад.
[4] Ва духтаре ки дар назари подшоҳ писанд афтад, ба ҷои Ваштӣ
малика шавад». Ва ин сухан дар назари подшоҳ писанд афтод, ва ӯ
чунин амал кард.
[5] Марди яҳудие дар Шушани пойтахт буд, ва номаш Мордахай
ибни Ёир, ибни Шимъӣ, ибни Қиши биньёминӣ буд,
[6] Ки аз Ерусалим бурда шуда буд бо асироне ки ҳамроҳи Еконьё
подшоҳи Яҳудо ҷалои ватан шуда буданд, ки онҳоро Навукаднесар
подшоҳи Бобил ҷалои ватан карда буд+.
[7] Ва ӯ мураббии Ҳадаса, яъне Эстери амакбачаи худ буд, чунки вай
падару модар надошт; ва ин духтар хушандом ва хушрӯй буд, ва баъд
аз вафоти падару модараш варо Мордахай барои худ духтархонд
карда буд.
[8] Ва ҳангоме ки амри подшоҳ ва қонуни ӯ эълон карда шуд, ва
духтарони зиёде дар Шушани пойтахт зери дасти Ҳеҷой ҷамъ оварда
шуданд, Эстерро низ ба хонаи подшоҳ зери дасти Ҳеҷой, ки
нигаҳбони занон буд, гирифта оварданд.
[9] Ва ин духтар дар назари ӯ писанд афтода, ба ҳузури ӯ илтифот
пайдо кард, ва ӯ шитобон лавозимоти ороиш ва офияти варо ба вай
дод ва ҳафт канизи муносибро аз хонаи подшоҳ ба вай дода, варо бо
канизонаш ба беҳтарин шӯъбаи хонаи занон гузаронд.
[10] Эстер қавми худ ва ақрабои худро маълум накард, зеро
Мордахай ба вай амр фармуда буд, ки маълум накунад.

11 Ва ҳар рӯз Мордахай назди саҳни хонаи занон гаштугузор
мекард, то ки аз саломатии Эстер ва аз он чи ба вай рӯй медиҳад,
хабардор бошад.
12 Ва чун навбати ҳар духтар мерасид, ки назди подшоҳ
Аҳашверӯш биёяд, — яъне баъд аз он ки вай дар муддати дувоздаҳ
моҳ русуми барои занон муқарраршударо мегузашт, зеро ки айёми
молиш додани онҳо: шаш моҳ бо равғани мур ва шаш моҳ бо атриёт
ва дорувори молидании занон бо ҳамин буд мешуд, —
13 Ва он гоҳ духтар назди подшоҳ меомад. Ҳар чизе ки вай талаб
мекард, ба вай медоданд, то ки бо он аз хонаи занон ба хонаи подшоҳ
биёяд.
14 Шомгоҳон вай меомад ва саҳаргоҳон ба хонаи дуюми занон зери
дасти Шаашғоз, ки хоҷасарои подшоҳ ва нигаҳбони сурриягон буд,
бармегашт ва дигар назди подшоҳ намеомад, магар ки подшоҳ варо
бихоҳад, ва он гоҳ варо ном бурда даъват мекарданд.
15 Ва чун навбати Эстер, духтари Абиҳоили амаки Мордахай, ки ӯ
варо духтархонд карда буд, расид, ки назди подшоҳ биёяд, вай чизе
талаб накард, магар ки он чи Ҳеҷои хоҷасарои подшоҳ ва нигаҳбони
занон гуфта буд. Ва Эстер дар назари ҳар касе ки варо медид,
илтифот пайдо мекард+.
16 Ва Эстерро назди подшоҳ Аҳашверӯш, ба хонаи хисравии ӯ, дар
моҳи даҳум, ки моҳи тевет бошад, дар соли ҳафтуми подшоҳии ӯ
гирифта оварданд.
17 Ва подшоҳ Эстерро бештар аз ҳамаи занон дӯст дошт, ва ба
ҳузури ӯ вай бештар аз ҳамаи дӯшизагон меҳр ва илтифот пайдо
кард; ва ӯ тоҷи хисравонаро бар сари вай гузошта, варо ба ҷои Вашти̅
малика гардонд.
18 Ва подшоҳ базми бузурге, — базме ба хотири Эстер, — барои
ҳамаи мирон ва маъмурони худ барпо кард, ва ба вилоятҳо сабуки̅
бахшид, ва бо ҳиммати хисравона инъомҳо дод.
19 Ва ҳангоме ки дӯшизагон бори дуюм ҷамъ оварда шуданд,
Мордахай назди дарвозаи подшоҳ менишаст.
20 Эстер ақрабои худ ва қавми худро ҳанӯз маълум накарда буд,
чунон ки Мордахай ба вай амр фармуда буд; ва амри Мордахайро
Эстер мисли замоне ки назди ӯ тарбият мегирифт, ба ҷо меовард.

## Мордахай ҳаёти подшоҳро аз хатар раҳо мекунад.

21 Дар он айём, ки Мордахай назди дарвозаи подшоҳ менишаст, ду
хоҷасарои подшоҳ, Биғтон ва Тораш, ки аз посбонони остона буданд,
дарғазаб шуданд ва қасд доштанд ба подшоҳ Аҳашверӯш дасти тааддӣ
дароз кунанд.
22 Вале Мордахай аз ин ҳодиса воқиф шуда, ба Эстери малика
хабар дод, ва Эстер он чиро, ки Мордахай ошкор карда буд, ба подшоҳ
гуфт.
23 Ва ин ҳодиса тафтиш карда шуд, ва дуруст баромад, ва ҳар
дуяшон ба дор овехта шуданд. Ва дар китоби вақоеи айём, ки дар
ҳузури подшоҳ буд, ин ҳодиса навишта шуд+.

## Суиқасди Ҳомон.

3 1 Баъд аз ин воқеот, подшоҳ Аҳашверӯш ба Ҳомон ибни
Ҳамдотои Аҷоҷӣ бузургӣ бахшида, ӯро баланд бардошт, ва курсии
ӯро аз ҳамаи мироне ки бо ӯ буданд, болотар гузошт;
2 Ва ҳамаи маъмурони подшоҳ, ки назди дарвозаи подшоҳ буданд,
ба Ҳомон зону мезаданд ва саҷда мебурданд, зеро ки подшоҳ дар
ҳаққи ӯ чунин амр фармуда буд, вале Мордахай зону намезад ва
саҷда намебурд.
3 Ва маъмурони подшоҳ, ки назди дарвозаи подшоҳ буданд, ба
Мордахай мегуфтанд: «Чаро ту аз амри подшоҳ сар мепечӣ?»
4 Ва азбаски рӯз ба рӯз ба ӯ мегуфтанд, ва ӯ ба онҳо гӯш намедод,
аз ин рӯ ба Ҳомон хабар доданд, то бубинанд, ки оё Мордахай
метавонад ба суханонаш исрор намояд, зеро онҳоро огоҳ карда буд,
ки ӯ яҳудӣ аст.
5 Чун Ҳомон дид, ки Мордахай ба ӯ зону намезанад ва сачда
намебарад, — Ҳомон пур аз ғазаб шуд.
6 Вале танҳо ба Мордахай дасти тааддӣ дароз кардан дар назари ӯ
нописанд омад, ва чун ӯро аз қавми Мордахай огоҳонида буданд, аз
ин рӯ Ҳомон қасд намуд, ки қавми Мордахай, яъне ҳамаи
яхудиёнеро, ки дар тамоми мамлакати Аҳашверӯш буданд, нобуд
кунад.
7 Дар моҳи якум, ки моҳи нисон бошад, дар соли дувоздаҳуми
подшоҳ Аҳашверӯш, дар ҳузури Ҳомон барои ҳар рӯз ва ҳар моҳ пур
— яъне қуръа — партофтанд, ва он ба моҳи дувоздаҳум, ки моҳи адор
бошад, афтод+.
8 Ва Ҳомон ба подшоҳ Аҳашверӯш гуфт: «Қавме парешон ва
пароканда дар миёни қавмҳо дар ҳамаи вилоятҳои мамлакати ту
ҳастанд, ва қонунҳошон аз ҳар қавм фарқ дорад, ва қонунҳои
подшоҳро ба ҷо намеоваранд, ва подшоҳро норавост, ки онҳоро
чунин вогузорад+.
9 Агар подшоҳ салоҳ донад, бигзор барои нест кардани онҳо
фармоне навишта шавад, ва ман даҳ ҳазор қурси нуқра* ба дасти
коргарон баркашида хоҳам дод, то ки ба хазоини подшоҳ биёваранд».
10 Ва подшоҳ нигини худро аз дасти худ кашид, ва онро ба Ҳомон
ибни Ҳамдотои Аҷоҷӣ, ки бадхоҳи яҳудиён буд, дод+.

11 Ва подшоҳ ба Ҳомон гуфт: «Он нуқра дар дасти ту бимонад, ва
он қавм низ, то ки бо онҳо он чиро, ки ба назарат маъқул бошад,
бикунӣ».
12 Ва котибони подшоҳ дар моҳи якум, дар рӯзи сездаҳуми он,
даъват шуданд, ва мувофиқи ҳар он чи Ҳомон амр фармуд, ба
волиёни подшоҳ ва ба ҳокимони ҳар вилоят ва ба мирони ҳар қавм,
ба ҳар вилоят бо хати он ва ба ҳар қавм бо забони он навишта шуд: аз
номи подшоҳ Аҳашверӯш навишта ва бо нигини подшоҳ мӯҳр карда
шуд+.
13 Ва мактубҳо ба воситаи чопарон ба ҳамаи вилоятҳои подшоҳ
фиристода шуд, то ки ҳамаи яҳудиёнро, аз ҷавон то пир ва тифлон ва
занон, дар як рӯз, дар рӯзи сездаҳуми моҳи дувоздаҳум, ки моҳи
адор бошад, нобуд кунанд, бикушанд ва талаф намоянд, ва молу
мулки онҳоро толону тороҷ кунанд+.
14 «Нусхаҳои ин фармон дар ҳар вилоят ба ҳукми қонун
даровarda, ба ҳамаи қавмҳо эълон карда шавад, то ки ба он рӯз тайёр
бошанд».
15 Он чопарон шитобон бо амри подшоҳ роҳсипор гардиданд, ва он
қонун дар Шушани пойтахт мунташир шуд, ва подшоҳ ва Ҳомон ба
майнӯшӣ нишастанд, валекин шаҳри Шушан дар изтироб афтод+.

## Рӯзадорӣ ва андӯҳ дар миёни яҳудиён.

**4** [1] Ва Мордахай аз он чи воқеъ шуда буд, огоҳӣ ёфт, ва Мордахай
либоси худро чок зада, палос ва хокистар дар бар кард, ва
андаруни шаҳр рафта, фиғони азим ва талхе баровард.
[2] Ва то ба пеши дарвозаи подшоҳ расид, зеро мумкин набуд, ки
касе палос дар тан ба дарвозаи подшоҳ дарояд.
[3] Ва дар ҳар вилоят ва мавзеъ, ки амри подшоҳ ва қонуни ӯ расида
буд, барои яҳудиён мотами бузург ва рӯзадорӣ ва гирья ва
овозандозӣ буд; палос ва хокистар барои бисьёр касон бистар шуд+.
[4] Ва чун канизони Эстер ва хоҷасароёни вай омада, ба вай хабар
доданд, малика бағоят музтариб шуд, ва либос фиристод, то ки
Мордахайро бипӯшонанд ва палосашро аз ӯ дур кунанд, вале ӯ қабул
накард.
[5] Ва Эстер Ҳатохро, ки аз хоҷасароёни подшоҳ назди вай таъин
шуда буд, даъват намуд ва ӯро амр фармуд, ки аз Мордахай бипурсад,
ки ин чист ва ин аз чӣ сабаб аст?
[6] Пас Ҳатох ба майдони шаҳр, ки пеши дарвозаи подшоҳ буд,
назди Мордахай рафт.
[7] Ва Мордахай аз ҳар чи ба ӯ рӯй дода буд, ва аз маблағи нуқрае ки
Ҳомон барои нест кардани яҳудиён ба хазоини подшоҳ баркашида
доданӣ шуда буд, ӯро хабардор кард,+
[8] Ва нусхаи фармони ба ҳукми қонун даромадаро, ки дар Шушан
дар бораи нобуд кардани онҳо мунташир шуда буд, ба ӯ дод, то ки
онро ба Эстер нишон диҳад ва ба вай хабар расонад, ва варо амр
фармояд, ки назди подшоҳ даромада, аз ӯ зорию илтиҷо кунад ва
барои қавми худ аз ӯ илтимос намояд+.
[9] Ва Ҳатох омада, суханони Мордахайро ба Эстер хабар дод.
[10] Ва Эстер ба Ҳатох сухан ронда, ӯро амр фармуд, ки ба Мордахай
бигӯяд:
[11] «Ҳамаи маъмурони подшоҳ ва қавми вилоятҳои подшоҳ
медонанд, ки барои ҳар мард ва зане ки назди подшоҳ ба саҳни
дарунӣ биёяд, бе он ки даъват шуда бошад, фақат як қонун ҳаст, ки
бояд қатл карда шавад, ба ҷуз касе ки подшоҳ чӯбдасти тиллоро сӯи
вай дароз кунад, то ки зинда монад; инак сӣ рӯз аст, ки ман даъват
нашудаам, ки назди подшоҳ биёям»+.

[12] Вақте ки суханони Эстерро ба Мордахай хабар доданд,
[13] Мордахай гуфт, ки ба Эстер чунин ҷавоб гардонанд: «Дар дили
худ гумон накун, ки дар хонаи подшоҳ аз миёни ҳамаи яҳудиён раҳо
хоҳӣ шуд,
[14] Балки, агар дар ҳамин вақт хомӯш бимонӣ, вусъат ва халосӣ аз
ҷои дигар падид хоҳад омад, вале ту ва хонадони падарат талаф
хоҳед шуд, ва кист бидонад, ки оё барои чунин вақт ба салтанат
нарасидаӣ?»
[15] Ва Эстер гуфт, ки ба Мордахай чунин ҷавоб гардонанд:
[16] «Бирав ва ҳамаи яҳудиёнро, ки дар Шушан мебошанд, ҷамъ кун,
ва барои ман рӯза доштa, се рӯз, шабонаю рӯзона, чизе нахӯред ва
нанӯшед; ман низ бо канизони худ ҳамчунин рӯза хоҳам дошт, ва ба
ин тариқ назди подшоҳ хоҳам омад, гарчанде ки ин бар хилофи
қонун аст, ва агар талаф шавам, бигзор талаф шавам»+.
[17] Ва Мордахай рафта, ончунон ки Эстер ӯро амр фармуда буд,
амал кард.

## Ҷасорати Эстер.

5 [1] Дар рӯзи сеюм Эстер либоси хисравона пӯшида, дар саҳни
дарунии хонаи подшоҳ рӯ ба рӯи дарбори подшоҳ биистод, ва
подшоҳ бар тахти хисравии худ дар дарбори хисравӣ рӯ ба рӯи
даромадгоҳи хона нишаста буд+.
[2] Ва чун подшоҳ Эстери маликаро дид, ки дар саҳн истодааст, вай
дар назари ӯ илтифот пайдо кард, ва подшоҳ чӯбдасти тиллоро, ки
дар дасташ буд, сӯи Эстер дароз кард, ва Эстер наздик омада, нӯги
чӯбдастро ламс намуд+.
[3] Ва подшоҳ ба вай гуфт: «Эй Эстери малика! Туро чӣ шуд, ва
илтимосат чист? Ҳатто нисфи мамлакат бошад ҳам, ба ту дода хоҳад
шуд»+.
[4] Ва Эстер гуфт: «Агар подшоҳ салоҳ донад, бигзор подшоҳ бо
Ҳомон имрӯз ба зиёфате ки барои ӯ муҳайё кардаам, биёяд».
[5] Ва подшоҳ гуфт: «Зуд Ҳомонро даъват кунед, то ки гуфтаи
Эстерро ба ҷо оварем». Ва подшоҳ бо Ҳомон ба зиёфате ки Эстер
муҳайё карда буд, омад.
[6] Ва подшоҳ ба Эстер дар вақти шаробнӯшӣ гуфт: «Хоҳишат чист?
Он қонеъ карда хоҳад шуд. Ва илтимосат чист? Ҳатто нисфи
мамлакат бошад ҳам, ба ҷо оварда хоҳад шуд».
[7] Ва Эстер ҷавоб гардонда, гуфт: «Хоҳишам ва илтимосам ин аст,
[8] Ки агар дар назари подшоҳ илтифот пайдо карда бошам, ва агар
подшоҳ салоҳ донад, ки хоҳишамро қонеъ кунад ва илтимосамро ба
ҷо оварад, бигзор подшоҳ бо Ҳомон ба зиёфате ки барои онҳо муҳайё
хоҳам кард, биёяд, ва фардо ба саволи подшоҳ ҷавоб хоҳам дод»+.
[9] Ва Ҳомон дар он рӯз хурсанд ва хушдил шуда берун омад, вале
вақте ки Ҳомон Мордахайро назди дарвозаи подшоҳ дид, ки пеши ӯ
намехезад ва аз ҷояш намеҷунбад, Ҳомон бар Мордахай пур аз ғазаб
шуд+.
[10] Валекин Ҳомон худдорӣ карда, ба хонаи худ омад, ва кас
фиристода, дӯстони худ ва зани худ Зорашро даъват намуд+.
[11] Ва Ҳомон ба онҳо фаровонии сарвати худ ва бузургии писарони
худро, ва тамоми шавкатеро, ки подшоҳ ба ӯ ато намуда, ӯро бар
мирон ва маъмурони подшоҳ баланд бардоштааст, ҳикоят кард,+

12 Ва Ҳомон гуфт: «Илова бар ин, Эстери малика низ касеро, ғайр
аз ман, ба зиёфате ки муҳайё карда буд, ҳамроҳи подшоҳ даъват
нанамуд, ва фардо низ ман назди вай ҳамроҳи подшоҳ даъват
шудаам;
13 Валекин ҳамаи ин дар назари ман ҳеҷ қимате надорад, то даме
ки Мордахаи яҳудиро назди дарвозаи подшоҳ нишаста мебинам».
14 Зани ӯ Зораш ва ҳамаи дӯстони ӯ гуфтанд: «Доре ба баландии
панҷоҳ зироъ бисозанд, ва пагоҳӣ ба подшоҳ бигӯй, ки Мордахайро
бар он биовезанд, ва шодон ҳамроҳи подшоҳ ба зиёфат бирав». Ва ин
сухан дар назари Ҳомон писанд афтод, ва ӯ доре сохт+.

## Ҳомон маҷбур шуд, ки Мордахайро иззат кунад.

6 [1] Дар он шаб хоби подшоҳ парид, ва ӯ амр фармуд, ки китоби ёддошти вақоеи айёмро биёранд, то ки онро ба хузури подшоҳ бихонанд+.

[2] Ва навиштае ёфт шуд, ки Мордахай дар бораи ду хоҷасарои подшоҳ, Биғтон ва Тораш, ки аз посбонони остона буданд ва қасд доштанд ба подшоҳ Аҳашверӯш дасти тааддӣ дароз кунанд, хабар додааст+.

[3] Ва подшоҳ гуфт: «Чӣ иззат ва сарафрозӣ барои ин ба Мордахай ато шудааст?» Навкарони подшоҳ, ки дар хузури ӯ хизмат мекарданд, гуфтанд: «Чизе ба вай ато нашудааст».

[4] Ва подшоҳ гуфт: «Кист дар саҳн?» Ва Ҳомон ба саҳни берунии хонаи подшоҳ омада буд, то ба подшоҳ бигӯяд, ки Мордахайро ба доре ки барояш сохта буд, биовезанд+.

[5] Ва навкарони подшоҳ ба ӯ гуфтанд: «Инак, Ҳомон дар саҳн истодааст». Ва подшоҳ гуфт: «Бигзор биёяд».

[6] Ва Ҳомон омад, ва подшоҳ ба ӯ гуфт: «Ба шахсе ки подшоҳ мехоҳад сарафроз намояд, чӣ бояд кард?» Ва Ҳомон дар дили худ гуфт: «Ғайр аз ман кист, ки подшоҳ бихоҳад сарафроз намояд?»

[7] Ва Ҳомон ба подшоҳ гуфт: «Ба шахсе ки подшоҳ мехоҳад сарафроз намояд,+

[8] Бигзор либоси хисравонае ки подшоҳ онро дар бар мекунад, ва аспе ки подшоҳ бар он савор мешавад, ва тоҷи хисравонае ки бар сари асп гузошта мешавад, биёваранд,

[9] Ва он либос ва аспро ба дасти яке аз мирони подшоҳ, ки аз аъёну ашроф бошад, бидиҳанд, ва шахсеро, ки подшоҳ мехоҳад сарафроз намояд, бипӯшонанд, ва ӯро ба асп савор карда дар майдони шаҳр бигардонанд, ва пешопеши ӯ нидо кунанд: „Ба шахсе ки подшоҳ мехоҳад сарафроз намояд, чунин карда хоҳад шуд!“»

[10] Ва подшоҳ ба Ҳомон гуфт: «Шитоб намуда он либос ва аспро, чунон ки гуфтӣ, бигир ва ба Мордахаи яхудӣ, ки назди дарвозаи подшоҳ нишастааст, чунин бикун; аз ҳар чи гуфтӣ, чизе кам нашавад».

[11] Ва Ҳомон он либос ва аспро гирифт, ва Мордахайро пӯшонид, ва ӯро ба асп савор карда дар майдони шаҳр гардонид, ва пешопеши ӯ

нидо кард: «Ба шахсе ки подшоҳ мехоҳад сарафроз намояд, чунин карда хоҳад шуд!»

12 Ва Мордахай ба дарвозаи подшоҳ баргашт, вале Ҳомон
мотамзада ва рӯсиёҳ сӯи хонаи худ шитофт+.

13 Ва Ҳомон ба зани худ Зораш ва ба ҳамаи дӯстони худ ҳар он
чиро, ки ба ӯ воқеъ шуда буд, ҳикоят кард, ва ҳакимонаш ва занаш Зораш ба ӯ гуфтанд: «Агар Мордахай, ки пеши вай ба фурӯ ғалтидан сар кардаӣ, аз насли яҳудиён бошад, бар вай ғолиб нахоҳӣ шуд, балки ҳатман пеши вай фурӯ хоҳӣ ғалтид»+.

14 Ва ҳанӯз бо ӯ сухан меронданд, ки хоҷасароёни подшоҳ
расиданд, то ки Ҳомонро шитоб кунонида, ба зиёфате ки Эстер муҳайё намуда буд, бибаранд.

## Зиёфат назди Эстер. Қатли Ҳомон.

7 1 Ва подшоҳ бо Ҳомон назди Эстери малика ба зиёфат омад+.
2 Ва подшоҳ дар рӯзи дуюм низ дар вақти шаробнӯшӣ ба Эстер
гуфт: «Эй Эстери малика! Хоҳишат чист? Он қонеъ карда хоҳад шуд.
Ва илтимосат чист? Ҳатто нисфи мамлакат бошад ҳам, ба ҷо оварда
хоҳад шуд».
3 Ва Эстери малика ҷавоб гардонда гуфт: «Эй подшоҳ! Агар дар
назари ту илтифот пайдо карда бошам, ва агар подшоҳ салоҳ донад,
бигзор ҷони ман мувофиқи хоҳиши ман ва қавми ман мувофиқи
илтимоси ман ба ман бахшида шавад,+
4 Зеро ки ман ва қавми ман фурӯхта шудаем, то ки нобуд, кушта ва
талаф шавем, ва агар ба ғуломӣ ва канизӣ фурӯхта мешудем, ман
хомӯш мемондам, гарчанде ки аду ба зарари подшоҳ намеарзад»+.
5 Ва подшоҳ Аҳашверӯш ба сухан оғоз намуда, ба Эстери малика
гуфт: «Он кас кист, ва он кас куҷост, ки дилаш ҷуръат намудааст
чунин амал кунад?»
6 Ва Эстер гуфт: «Он шахси аду ва душман ҳамин Ҳомони шарир
аст!» Ва Ҳомон ба хузури подшоҳ ва малика ба даҳшат афтод+.
7 Ва подшоҳ бо ғазаб аз шаробнӯшӣ хеста ба боғи қаср баромад, ва
Ҳомон он ҷо монд, то ки аз Эстери малика барои ҷони худ илтимос
намояд, зеро дид, ки аз ҷониби подшоҳ ба сараш балое хоҳад омад.
8 Ва ҳангоме ки подшоҳ аз боғи қаср ба хонаи шаробнӯшӣ баргашт,
Ҳомон бар нимкате ки болояш Эстер буд, фурӯ ғалтида буд, ва
подшоҳ гуфт: «Оё ба номӯси малика низ ба ҳузури ман дар хона
таҷовуз мекунад?» Ҳамин ки ин сухан аз даҳони подшоҳ баромад,
рӯи Ҳомонро пӯшониданд.
9 Ва Ҳарбӯно, яке аз хоҷасароёне ки ба хузури подшоҳ буданд,
гуфт: «Инак доре низ ба баландии панҷоҳ зироъ дар хонаи Ҳомон
истодааст, ки онро Ҳомон барои Мордахай, ки дар ҳаққи подшоҳ
сухани некӯ гуфта буд, сохтааст». Ва подшоҳ гуфт: «Ӯро бар он
биовезед!»+
10 Бинобар ин Ҳомонро бар доре ки ӯ барои Мордахай муҳайё
карда буд, овехтанд, ва ғазаби подшоҳ таскин ёфт+.

## Ба бузургӣ расидани Мордахай.

8 [1] Дар он рӯз подшоҳ Аҳашверӯш хонаи Ҳомони бадхоҳи
яҳудиёнро ба Эстери малика дод, ва Мордахай ба ҳузури подшоҳ
даромад, зеро Эстер фаҳмонда буд, ки ӯ ба вай чӣ нисбате дорад.
[2] Ва подшоҳ нигини худро, ки аз Ҳомон гирифта буд, кашида ба
Мордахай дод, ва Эстер Мордахайро ба хонаи Ҳомон баргумошт+.
[3] Ва Эстер боз дар ҳузури подшоҳ сухан ронд, ва пеши пойҳои ӯ
афтод, ва гирья кард, ва аз ӯ илтимос намуд, ки бадии Ҳомони Аҷоҷӣ
ва қасдеро, ки дар ҳаққи яҳудиён андешида буд, ботил кунад+.
[4] Ва подшоҳ чӯбдасти тиллоро сӯи Эстер дароз кард, ва Эстер
бархоста, ба ҳузури подшоҳ истод,+
[5] Ва гуфт: «Агар подшоҳ салоҳ донад, ва агар ман ба ҳузури ӯ
илтифот пайдо карда бошам, ва ин чиз дар ҳузури подшоҳ муносиб
ҳисоб ёбад, ва ман дар назари ӯ некӯ бошам, бигзор навишта шавад,
ки мактубҳои дасисакоронаи Ҳомон ибни Ҳамдотои Аҷоҷӣ, ки ӯ дар
бораи талаф намудани яҳудиёне ки дар ҳамаи вилоятҳои подшоҳ
мебошанд, навишта буд, ботил карда мешавад.
[6] Зеро, чӣ гуна ман метавонам мусибатеро, ки ба сари қавми ман
меояд, бубинам, ва чӣ гуна ман метавонам таҳлукаи ақрабои худро
бубинам?»
[7] Ва подшоҳ Аҳашверӯш ба Эстери малика ва Мордахаи яҳудӣ
гуфт: «Инак, хонаи Ҳомонро ба Эстер додам, ва ӯро ба дор овехтанд
аз барои он ки ба яҳудиён дасти тааддӣ дароз кард.
[8] Ва шумо он чиро, ки дар ҳаққи яҳудиён ба назаратон маъқул
бошад, аз номи подшоҳ бинависед ва бо нигини подшоҳ мӯҳр кунед,
зеро фармонеро, ки аз номи подшоҳ навишта ва бо нигини подшоҳ
мӯҳр карда шудааст, ботил намудан мумкин нест»+.
[9] Ва он гоҳ, дар моҳи сеюм, ки моҳи сивон бошад, дар рӯзи бисту
сеюми он, котибони подшоҳ даъват шуданд, ва мувофиқи ҳар он чи
Мордахай амр фармуд, ба яҳудиён, ва ба волиён ва ҳокимон ва
мирони вилоятҳо, ки аз Ҳинд то Ҳабаш саду бисту ҳафт вилоят
буданд, ба ҳар вилоят бо хати он ва ба ҳар қавм бо забони он, ва ба
яҳудиён бо хати онҳо ва бо забони онҳо навишта шуд+.
[10] Ва ӯ аз номи подшоҳ Аҳашверӯш навишта, бо нигини подшоҳ
мӯҳр кард, ва мактубҳоро ба воситаи чопарони аспакӣ, ки бар аспҳои

тезраве аз миёни тойкурраҳои тозии тавилаи подшоҳ савор шуда
буданд, фиристод, —+
[11] Дар он мактубҳо подшоҳ ба яҳудиёне ки дар ҳар шаҳр
мебошанд, иҷозат додааст, ки ҷамъ шуда, барои муҳофизати ҷони
худ истодагӣ намоянд, тамоми иқтидори қавм ва вилоятеро, ки ба
онҳо адоват доранд, бо якҷоягии тифлон ва занонашон нобуд кунанд,
бикушанд ва талаф намоянд ва молу мулки онҳоро толону тороҷ
кунанд,
[12] Дар як рӯз, дар ҳамаи вилоятҳои подшоҳ Аҳашверӯш, дар рӯзи
сездаҳуми моҳи дувоздаҳум, ки моҳи адор бошад+.
[13] «Нусхаҳои ин фармон дар ҳар вилоят ба ҳукми қонун
дароварда, ба ҳамаи қавмҳо эълон карда шавад, то ки яҳудиён ба он
рӯз барои интиқом гирифтан аз душманони худ тайёр бошанд».
[14] Он чопарон бар аспҳои тезраве ки аз тавилаи подшоҳ буд, савор
шуда, саросемавор ва шитобон бо амри подшоҳ роҳсипор гардиданд,
ва ин қонун дар Шушани пойтахт мунташир шуд+.
[15] Ва Мордахай аз ҳузури подшоҳ бо либоси хисравонаи лоҷвард ва
сафед, ва бо афсари бузурги тилло, ва бо қабои катони арғувонӣ
берун омад, ва аҳли шаҳри Шушан шод ва хурсанд шуданд+.
[16] Барои яҳудиён равшанӣ, ва хурсандӣ, ва шодмонӣ, ва сарафрозӣ
буд+.
[17] Ва дар ҳар вилоят ва шаҳр, дар ҳар ҷое ки амри подшоҳ ва
қонуни ӯ расид, барои яҳудиён хурсандӣ ва шодмонӣ, базм ва ид буд,
ва бисьёре аз қавмҳои ин сарзамин яҳудӣ шуданд, зеро ки тарси
яҳудиён онҳоро фаро гирифта буд.

## Яҳудиён аз душманони худ интиқом мегиранд.

9 [1] Ва дар моҳи дувоздаҳум, ки моҳи адор бошад, дар рӯзи
сездаҳуми он, ки вақти ба амал овардани амри подшоҳ ва қонуни
ӯ расида буд, дар рӯзе ки душманони яҳудиён умед доштанд бар онҳо
ҳукмфармо шаванд, вале акси он ба амал омада, яҳудиён бар адуёни
худ ҳукмфармо шуданд:+
[2] Яҳудиён дар шаҳрҳои худ, дар ҳамаи вилоятҳои подшоҳ
Аҳашверӯш ҷамъ шуданд, то ки ба бадхоҳони худ дасти тааддӣ дароз
кунанд, ва ҳеҷ кас пеши онҳо натавонист истодагӣ намояд, чунки
тарси онҳо ҳамаи қавмҳоро фаро гирифта буд.
[3] Ва ҳамаи мирони вилоятҳо, ва волиён, ва ҳокимон, ва
амалдорони подшоҳ яҳудиёнро дастгирӣ мекарданд, чунки тарси
Мордахай онҳоро фаро гирифта буд,
[4] Зеро ки Мордахай дар хонаи подшоҳ бузург буд, ва шӯҳраташ дар
тамоми вилоятҳо паҳн мешуд, чунки таъсири ин шахс, яъне
Мордахай, торафт меафзуд+.
[5] Ва яҳудиён ҳамаи душманони худро ба зарби шамшер заданд, ва
куштанд, ва талаф намуданд, ва ба адуёни худ мувофиқи дилхоҳи
худ амал карданд.
[6] Ва дар Шушани пойтахт яҳудиён панҷсад касро куштанд ва талаф
намуданд;
[7] Ва Паршандото, ва Далфӯн, ва Аспото,
[8] Ва Пӯрото, ва Адальё, ва Аридото,
[9] Ва Пармашто, ва Арисой, ва Аридой, ва Вайзото, —
[10] Даҳ писари Ҳомон ибни Ҳамдотои бадхоҳи яҳудиёнро куштанд,
вале дасти худро барои толону тороҷ дароз накарданд.
[11] Дар ҳамон рӯз шумораи онҳое ки дар Шушани пойтахт кушта
шуданд, ба ҳузури подшоҳ хабар дода шуд.
[12] Ва подшоҳ ба Эстери малика гуфт: «Дар Шушани пойтахт
яҳудиён панҷсад кас ва даҳ писари Ҳомонро куштаанд ва талаф
намудаанд; дар дигар вилоятҳои подшоҳ чиҳо карда бошанд?
Хоҳишат чист? Он қонеъ карда хоҳад шуд. Илтимосат боз чист? Он ба
ҷо оварда хоҳад шуд»+.
[13] Ва Эстер гуфт: «Агар подшоҳ салоҳ донад, бигзор ба яҳудиёне ки
дар Шушан мебошанд, иҷозат дода шавад, ки фардо низ бар ҳасби

қонуни имрӯз амал кунанд ва даҳ писари Ҳомонро ба дор овезанд».
14 Ва подшоҳ гуфт: «Чунин бишавад!» Ва дар Шушан ба ҳукми
қонун даровtowarda шуд, ва даҳ писари Ҳомонро овехтанд.
15 Ва яҳудиёне ки дар Шушан буданд, дар рӯзи чордаҳуми моҳи
адор низ ҷамъ шуданд, ва дар Шушан сесад касро куштанд, вале дасти
худро барои толону тороҷ дароз накарданд.
16 Ва дигар яҳудиёне ки дар вилоятҳои подшоҳ буданд, ҷамъ
шуданд, то ки барои ҷони худ истодагӣ намуда, аз душманони худ
оромӣ ёбанд, ва ҳафтоду панҷ ҳазор нафар адуёни худро куштанд,
вале дасти худро барои толону тороҷ дароз накарданд.
17 Ин дар рӯзи сездаҳуми моҳи адор ба вуқӯъ омад, ва дар рӯзи
чордаҳуми он оромӣ ёфтанд, ва онро рӯзи базм ва шодмонӣ карданд.
18 Валекин яҳудиёне ки дар Шушан буданд, дар рӯзи сездаҳуми он
ва дар рӯзи чордаҳуми он ҷамъ шуданд, ва дар рӯзи понздаҳуми он
оромӣ ёфтанд, ва онро рӯзи базм ва шодмонӣ карданд.
19 Бинобар ин яҳудиёни аз ҳисор берун, яъне онҳое ки дар
шаҳрҳои беҳисор сукунат доранд, рӯзи чордаҳуми моҳи адорро рӯзи
шодмонӣ ва базм ва ид мегардонанд ва ҳадияҳо ба ҳамдигар
мефиристанд+.
20 Ва Мордахай ин суханонро навишта, ба ҳамаи яҳудиёне ки дар
ҳамаи вилоятҳои подшоҳ Аҳашверӯш буданд, ба ҷойҳои наздик ва
дур мактубҳо фиристод,

## Таъсиси иди пурим.

21 То онҳоро ӯҳдадор намояд, ки рӯзи чордаҳуми моҳи адор ва
рӯзи понздаҳуми онро ҳар сол ид кунанд,
22 Ҳамчун рӯзҳое ки дар онҳо яҳудиён аз душманони худ оромӣ
ёфтанд, ва ҳамчун моҳе ки барояшон андӯҳ ба шодмонӣ, ва мотам ба
ид мубаддал шуд, — ин рӯзҳоро рӯзҳои базм ва шодмонӣ гардонида,
ҳадияҳо ба ҳамдигар ва бахшишҳо ба бенавоён бифиристанд.
23 Ва яҳудиён он чиро, ки худашон ба иҷро карданаш шурӯъ
намуда буданд, ва он чиро, ки Мордахай ба онҳо навишта буд, қабул
карданд,
24 Зеро ки Ҳомон ибни Ҳамдотои Аҷоҷӣ, бадхоҳи ҳамаи яҳудиён,
ба фикри талаф намудани яҳудиён афтода, барои нобуд ва талаф
намудани онҳо пур — яъне қуръа — партофта буд,+

25 Валекин вақте ки Эстер ба ҳузури подшоҳ даромад, ӯ бо мактуб
амр фармуд, ки қасди баде ки Ҳомон дар ҳаққи яҳудиён андешида
буд, ба сари худаш баргардонида шавад, ва ӯро бо писаронаш ба дор
овехтанд.
26 Аз ин рӯ он рӯзҳоро аз калимаи пур пурим номиданд. Бинобар
ин, мувофиқи ҳамаи суханони ҳамин нома, ва он чи худашон дар ин
моҷаро дида буданд, ва он чи ба сарашон омада буд,
27 Яҳудиён қарор доданд ва ба зиммаи худ ва насли худ ва ҳамаи
касоне ки ба онҳо ҳамроҳ мешаванд, ба таври мансухнопазир
гирифтанд, ки он ду рӯзро бар тибқи он чи дар бораи онҳо навишта
шудааст, ва бар тибқи замоне ки барои онҳо таъин гардидааст, ҳар
сол ид кунанд,+
28 Ва он рӯзҳо дар ҳар насл, қабила, вилоят ва шаҳр ёдоварӣ ва ид
карда шавад, ва ин рӯзҳои пурим аз миёни яҳудиён мансух нагардад,
ва зикри онҳо аз наслашон нест нашавад.
29 Бинобар ин Эстери малика, духтари Абиҳоил, ҳамроҳи
Мордахаи яҳудӣ бо тамоми қатъият навишт, ки ин номаи дуюмро
дар бораи пурим риоя намоянд+.
30 Ва Мордахай ба ҳамаи яҳудиён, ба саду бисту ҳафт вилояти
мамлакати Аҳашверӯш, мактубҳо бо суханони саломатӣ ва садоқат
фиристод,+
31 То ки ин рӯзҳои пуримро дар замони онҳо риоя намоянд, чунон
ки барояшон Мордахаи яҳудӣ ва Эстери малика барқарор кардаанд,
ва чунон ки худашон барои худ ва барои насли худ айёми рӯзадориҳо
ва фиғонашонро муқаррар намудаанд+.
32 Ва бо амри Эстер ин суханони оид ба пурим тасдиқ гардида, дар
китоб навишта шуд.

## Мордахай — шахси оличоҳи дуюм баъд аз подшоҳ.

10 [1]Ва подшоҳ Аҳашверӯш бар замин ва ҷазираҳои баҳр боҷу
хироҷ андохт.
[2]Ва тамоми фаъолияти салтанат ва иқтидори ӯ ва тасвири
шавкати Мордахай, ки ӯро подшоҳ ба бузургӣ расонида буд, оё дар
китоби ваҳоеи айёми подшоҳони Модай ва Форс навишта
нашудааст+?
[3]Зеро ки Мордахаи яҳудӣ баъд аз подшоҳ Аҳашверӯш шахси дуюм
ва дар миёни яҳудиён бузург ва барои аксари бародарони худ матлуб
буд, ки некбахтии қавми худро мехост ва барои саломатии тамоми
насли худ ғамхорӣ мекард+.

---

* 3:9 **қурси нуқра** — воҳиди калони пул дар замони қадим, ки тақрибан 21 килограмм вазн дошт.

---

+ 1:1 Эст. 8:9, Эст. 9:30

+ 1:2 Наҳ. 1:1

+ 1:10 Эст. 7:9

+ 1:14 Эзр. 7:14

+ 1:19 Эст. 8:8, Дон. 6:8

+ 1:20 Эфс. 5:33

+ 2:1 Эст. 1:19-20

+ 2:6 4 Подш. 24:14-15, 2 Вак. 36:10, Ирм. 24:1, Ирм. 29:1-2

+ 2:15 Эст. 9:29

+ 2:23 Эст. 6:2, Эст. 10:2

+ 3:7 Наҳ. 2:1, Эст. 9:24, Эст. 9:26, Эзр. 6:15

+ 3:8 Эзр. 4:12, Аъм. 16:20

+ 3:10 Ҳас. 41:42, Эст. 8:2

+ 3:12 Эст. 8:9

+ 3:13 Эст. 8:10, Эзр. 6:15

+ 3:15 Эст. 8:14

+ 4:3 Дон. 9:3

+ 4:7 Эст. 3:9

+ 4:8 Эст. 3:14

+ 4:11 Дон. 2:9

+ 4:16 Эзр. 10:6

+ 5:1 Эст. 4:16

+ 5:2 Эст. 4:11

+ 5:3 Эст. 7:2, Марк. 6:23

+ 5:8 Эст. 7:3

+ 5:9 Эст. 3:1

+ 5:10 Эст. 6:13

+ 5:11 Эст. 9:7-10, Эст. 3:1

+ 5:14 Эст. 6:4, Эст. 7:9-10

+ 6:1 Эст. 2:23, Эст. 10:2

+ 6:2 Эст. 2:21-22

+ 6:4 Эст. 5:14, Эст. 7:9-10

+ 6:7 3 Подш. 1:33

+ 6:12 2 Подш. 15:30

+ 6:13 Эст. 5:10

+ 7:1 Эст. 5:3, Марк. 6:23

+ 7:3 Эст. 5:8

+ 7:4 Эст. 3:9

+ 7:6 Эст. 3:10

+ 7:9 Эст. 1:10, Эст. 5:14, Эст. 6:4, Заб. 7:16, Мас. 11:5, Дон. 6:24

+ 7:10 Ҳас. 40:22

+ 8:2 Ҳас. 41:42, Эст. 3:10

+ 8:3 Эст. 3:1

+ 8:4 Эст. 5:2

+ 8:8 Эст. 3:12

+ 8:9 Эст. 1:1, Эст. 3:12, Эст. 1:22

+ 8:10 Ҳас. 41:42, Эст. 3:10, Эст. 3:13

+ 8:12 Эзр. 6:15

+ 8:14 Эст. 3:15

+ 8:15 Мас. 11:10

+ 8:16 Заб. 96:11

+ 9:1 Эзр. 6:15, Эст. 3:13

+ 9:4 2 Подш. 5:10, 1 Вақ. 11:9

+ 9:12 Эст. 5:6, Эст. 7:2

+ 9:19 Наҳ. 8:12

+ 9:24 Эст. 3:7

+ 9:27 Иш. 56:3, Зак. 2:11

+ 9:29 Эст. 2:15

+ 9:30 Эст. 1:1, Эст. 8:9

+ 9:31 Эст. 4:3

+ 10:2 Эст. 2:23, Эст. 6:1-2

+ 10:3 Ҳас. 41:40, Нах. 2:10

*КИТОБИ*

**АЙЮБ**


| | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 | 7 | 8 | 9 | 10 |
| 11 | 12 | 13 | 14 | 15 | 16 | 17 | 18 | 19 | 20 |
| 21 | 22 | 23 | 24 | 25 | 26 | 27 | 28 | 29 | 30 |
| 31 | 32 | 33 | 34 | 35 | 36 | 37 | 38 | 39 | 40 |
| | | | | 41 | 42 | | | | |

## Симои маънавии Айюб, дорой ва порсоии ӯ.

1 [1] Марде дар замини Ус буд, ки Айюб ном дошт, ва он мард беайб ва росткор ва худотарс буд ва аз бадӣ дур мешуд+.

[2] Ва ба ӯ ҳафт писар ва се духтар таваллуд ёфтанд.

[3] Ва чорвои ӯ аз ҳафт ҳазор бузу гӯсфанд ва се ҳазор шутур ва панҷсад ҷуфт гов ва панҷсад модахар иборат буд, ва ӯ ғуломону канизони бағоят зиёде дошт; ва ин мард аз тамоми аҳли шарқ бузургтар буд+.

[4] Ва писарони ӯ рафта, дар хонаи ҳар яке дар рӯзи вай базм барпо мекарданд, ва кас фиристода, се хоҳари худро даъват менамуданд, то ки бо онҳо бихӯранд ва бинӯшанд.

[5] Ва ҳангоме ки давраи рӯзҳои базм анҷом меёфт, Айюб кас фиристода, онҳоро такдис менамуд, ва саҳаргоҳон бархоста, мувофиқи адади ҳамаи онҳо қурбониҳои сӯхтанӣ мебаровард, зеро ки Айюб мегуфт: «Шояд, писаронам хато карда, Худоро дар дили худ хорӣ дода бошанд». Айюб ҳама вақт чунин амал мекард+.

## Шайтон ба порсоии Айюб некӯаҳволии ӯро сабаб нишон медиҳад.

[6] Ва рӯзе воқеъ шуд, ки писарони Худо* омаданд, то ки пеши Худованд ҳозир шаванд; ва шайтон низ дар миёни онҳо омад+.

[7] Ва Худованд ба шайтон гуфт: «Аз куҷо омадӣ?» Ва шайтон ба Худованд ҷавоб гардонда, гуфт: «Аз давр задан бар замин ва аз гаштугузор кардан бар он»+.

[8] Ва Худованд ба шайтон гуфт: «Оё ба бандаи Ман Айюб диққат додӣ, ки мисли ӯ марди беайб ва росткор ва худотарсе ки аз бадӣ дур мешавад, бар замин нест?»

[9] Ва шайтон ба Худованд ҷавоб гардонда, гуфт: «Оё Айюб бесабаб аз Худо метарсад?

[10] Оё Ту барои ӯ ва барои хонаи ӯ ва барои ҳар чизе ки ӯ дорад, гирдогирд ҳисор насохтаӣ? Амали дастҳои ӯро Ту баракат додаӣ, ва чорвои ӯ бар замин паҳн шудааст+.

[11] Аммо дасти Худро дароз карда, ба ҳар чизе ки ӯ дорад, бизан, — Туро ба ҳузурат дашном хоҳад дод»+.

12 Ва Худованд ба шайтон гуфт: «Инак, ҳар чизе ки ӯ дорад, дар
дасти туст, фақат ба худи ӯ дасти худро дароз накун». Ва шайтон аз
пеши Худованд рафт.
13 Ва рӯзе воқеъ шуд, ки писарон ва духтарони Айюб дар хонаи
бародари нахустзодаи худ мехӯрданд ва шароб менӯшиданд.
14 Ва қосиде назди Айюб омада, гуфт: «Говҳо шудгор мекард, ва
модахарҳо дар паҳлуи онҳо мечарид,
15 Ва мардуми Сабо ҳуҷум карда, онҳоро гирифтанд, ва
навкаронро ба дами шамшер заданд; ва танҳо ман раҳо шудам, то ки
ба ту хабар диҳам»+.
16 Ҳанӯз вай сухан меронд, ки дигаре омада, гуфт: «Оташи Худо аз
осмон афтода, бузу гӯсфандон ва навкаронро сӯзонд, ва онҳоро нобуд
кард; ва танҳо ман раҳо шудам, то ки ба ту хабар диҳам»+.
17 Ҳанӯз вай сухан меронд, ки дигаре омада, гуфт: «Калдониён се
даста шуда, ба шутурҳо ҳамла оварданд ва онҳоро гирифтанд, ва
навкаронро ба дами шамшер заданд; ва танҳо ман раҳо шудам, то ки
ба ту хабар диҳам»+.
18 Ҳанӯз вай сухан меронд, ки дигаре омада, гуфт: «Писарон ва
духтарони ту дар хонаи бародари нахустзодаи худ мехӯрданд ва
шароб менӯшиданд,
19 Ва инак, боди азиме аз ҷониби биёбон омада, чор кунҷи хонаро
фаро гирифт, ва он бар ҷавонон фурӯ рафт, ва онҳо мурданд; ва танҳо
ман раҳо шудам, то ки ба ту хабар диҳам».
20 Он гоҳ Айюб бархоста, ҷомаи худро чок зад, ва мӯйсари худро
гирифт, ва бар замин афтода, саҷда бурд+.
21 Ва гуфт: «Аз батни модари худ бараҳна берун омадам, ва ба он
ҷо бараҳна хоҳам баргашт. Худованд дод, ва Худованд гирифт. Исми
Худованд муборак бод»!+
22 Дар ҳамаи ин Айюб хатое накард, ва аз Худо шикоят нанамуд.

## Айюб бори дуюм ба ихтиёри шайтон супурда шуд.

**2** [1] Ва рӯзе воқеъ шуд, ки писарони Худо омаданд, то ки пеши
Худованд ҳозир шаванд; ва шайтон низ дар миёни онҳо омад, то
ки пеши Худованд ҳозир шавад+.
[2] Ва Худованд ба шайтон гуфт: «Аз куҷо омадӣ?» Ва шайтон ба
Худованд ҷавоб гардонда, гуфт: «Аз давр задан бар замин ва аз
гаштугузор кардан бар он».
[3] Ва Худованд ба шайтон гуфт: «Оё ба бандаи Ман Айюб диққат
додӣ, ки мисли ӯ марди беайб ва росткор ва худотарсе ки аз бадӣ дур
мешавад, бар замин нест? Ва ӯ ҳанӯз ба беайбии худ қоим аст, ва ҳол
он ки ту Маро бар зидди ӯ барангехтӣ, то ӯро бесабаб нобуд кунам».
[4] Вале шайтон ба Худованд ҷавоб гардонда, гуфт: «Пӯст дар ивази
пӯст аст, ва ҳар чизе ки одамизод дорад, барои ҷони худ хоҳад дод;
[5] Аммо дасти Худро дароз карда, ба устухон ва гӯшти ӯ бизан, —
Туро ба ҳузурат дашном хоҳад дод».
[6] Ва Худованд ба шайтон гуфт: «Инак, ӯ дар дасти туст; фақат ҷони
ӯро нигоҳдорӣ намо».
[7] Ва шайтон аз пеши Худованд рафт, ва Айюбро аз кафи нояш то
фарқи сараш ба махави сахт гирифтор кард+.
[8] Ва ӯ сафолпорае гирифт, то ки худро бо он бихорад, дар ҳолате
ки андаруни хокистар нишаста буд+.

## Айюб ва зани ӯ.

[9] Ва занаш ба ӯ гуфт: «Оё ту ҳанӯз ба беайбии худ қоим ҳастӣ?
Худоро дашном деҳ ва бимир».
[10] Вале ӯ ба вай гуфт: «Ту мисли яке аз сифлагон сухан меронӣ;
наход ки некиро аз Худо қабул кунему бадиро қабул накунем?» Дар
ҳамаи ин Айюб бо лабҳои худ хатое накард+.

## Айюб ва се дӯсти ӯ.

[11] Вақте ки се дӯсти Айюб тамоми ин бадиеро, ки ба сари ӯ омада
буд, шуниданд, ҳар яке аз макони худ: Алифози Темонӣ ва Билдоди
Шуҳӣ ва Сӯфори Наъмотӣ роҳсипор гардида, муттафиқ шуданд, ки бо
ҳамдигар омада, ба ӯ ҳамдардӣ изҳор намоянд ва ӯро тасаллӣ
диҳанд+.

12 Чун аз дур чашм андохта, ӯро нашинохтанд, овози худро баланд
карда, гиристанд, ва ҳар яке ҷомаи худро чок заданд, ва хок бар сари
худ сӯи осмон пошиданд+.
13 Ва ҳафт рӯзу ҳафт шаб бо ӯ бар замин нишастанд, ва касе ба ӯ
сухане нагуфт, зеро диданд, ки дарди ӯ бағоят сахт аст+.

## Нутқи якуми Айюб. Шикоят ва андӯҳи ӯ.

3 [1] Баъд аз он Айюб даҳони худро кушода, рӯзи худро нафрин
кард.
[2] Ва Айюб нидо карда, гуфт:
[3] «Нест бод рӯзе ки дар он таваллуд ёфтам,
ва шабе ки дар он гуфта шуд:
„Наринае ба вуҷуд омад!“+
[4] Бигзор он рӯз тира шавад,
онро Худо аз афроз ба ҳисоб наоварад,
ва рӯшноӣ бар он надурахшад!
[5] Бигзор онро тирагӣ ва зулмот фурӯ барад,
абр бар он сокин шавад,
кусуфоти рӯз онро дар даҳшат андозад!
[6] Бигзор он шабро торикӣ дар бар гирад,
он ба рӯзҳои сол шарик нашавад,
ба шумораи моҳҳо дохил нагардад!
[7] Инак, бигзор он шаб нозой бошад,
таронасароӣ дар он шунида нашавад!
[8] Бигзор онро нафринкунандагони рӯз,
ки метавонанд аждарро бедор кунанд, лаънат гӯянд!
[9] Бигзор ситораҳои шоми он тира шавад,
он ба нуре интизорӣ барад, — вале набошад,
ва бигзор мижгони саҳарро набинад,
[10] Барои он ки дарҳои батни модарамро набаст
ва азобро аз чашмонам пинҳон накард!
[11] Чаро вақте ки аз батн берун омадам, намурдам?
Ва ҳангоме ки аз раҳим баромадам, ҷон надодам+?
[12] Чаро зонуҳо маро қабул кард?
Ва чаро ба ман сина доданд, ки бимакам?
[13] Дар он сурат ҳоло мехобидам ва фароғат менамудам,
хоб мекардам ва ором меёфтам,
[14] Бо подшоҳон ва мушовирони замин,
ки барои худ вайронаҳоро бино мекунанд;
[15] Ё бо мирон, ки тилло доштаанд,
ва хонаҳои худро аз нуқра пур кардаанд;

16 Ё мисли афгонаи гӯронидашудае номавҷуд мебудам,
мисли тифлоне ки рӯшноиро надидаанд+.
17 Дар он ҷо шарирон хашмгиниро бас мекунанд,
ва дар он ҷо бемаҷолон ором меёбанд.
18 Бандиён бо якҷоягӣ роҳат мекунанд,
овози назоратчиро намешунаванд.
19 Хурд ва калон дар он ҷо баробаранд,
ва ғулом аз оғои худ озод аст.
20 Чаро рӯшноӣ ба сиёҳбахт дода мешавад,
ва зиндагӣ ба касони талхком,+
21 Ки онҳо ба марг интизорӣ мебаранд, ва он намеояд,
ва онро бештар аз ганҷ ҷустуҷӯ менамоянд,+
22 Ва ҳар гоҳ, ки қабр пайдо кунанд,
шодикунон ба ваҷд меоянд ва хурсанд мешаванд+?
23 Чаро зиндагӣ ба марде дода мешавад, ки роҳаш гум шудааст,
ва Худо дар гирдогирди ӯ хорбанд сохтааст+?
24 Пеш аз нони ман оҳу воҳи ман меояд,
ва наъраҳоям мисли об ҷараён дорад.
25 Зеро тарсу биме ки доштам, бар ман ғолиб шуд,
ва чизе ки аз он метарсидам, ба сарам омад+.
26 Маро осоиш нест, ва оромӣ нест,
ва фароғат нест, ва мусибат фаро расидааст».

## Нутқи якуми Алифоз.

1 Ва Алифози Темонӣ ҷавоб гардонда, гуфт:
2 «Агар касе кӯшиш намуда ба ту сухане гӯяд,
оё тоқати шунидан дорӣ?
Вале кист, ки тавонад аз сухан гуфтан худдорӣ кунад?
3 Инак, ту бисьёр касонро панд додаӣ,
ва дастҳои бемадорро тақвият намудаӣ+.
4 Суханони ту рӯҳафтодаро ба по мехезонд,
ва зонуҳои ларзонро ту қувват мебахшидӣ.
5 Вале акнун ба сари худат омадааст, ва ту бетоқат шудаӣ;
навбат ба худат расидааст, ва ту аз рӯҳ афтодаӣ.
6 Оё таваккали ту ба худотарсии ту
ва умеди ту ба беайбии роҳҳои ту нест+?
7 Як мулоҳиза намо: кист, ки бегуноҳ бошад,
ва талаф шуд?
Ва росткорон дар куҷо нобуд шуданд+?
8 Чунон ки ман дидаам, касоне ки барои хабосат шудгор
намуда,
ноинсофиро кишт мекунанд, ҳосили онро медараванд;+
9 Аз нафаси Худо талаф мешаванд,
ва аз дами ғазаби Ӯ маҳв мегарданд+.
10 Наъраи шер, ва овози арсалон,
ва дандонҳои шербачаҳо мешиканад;
11 Наррашер, ки нахҷире намеёбад, талаф мешавад,
ва бачаҳои модашер пароканда мешаванд.
12 Ва пеши ман чизе махфӣ зоҳир шуд,
ва гӯши ман пичирросе аз ҷониби он шунид.
13 Дар миёни андешаҳое ки аз рӯъёҳои шаб пайдо
мешавад,
вақте ки одамонро хоб зер мекунад,+
14 Маро тарсу ларз фаро гирифта,
ҳамаи устухонҳоямро ба ларза андохт+.
15 Ва рӯҳе аз пешам гузашт;
мӯйҳои баданам сих шуд.
16 Ӯ рост истод, вале шамоилашро нашинохтам,

фақат сурате дар пеши назарам буд;
хомӯшӣ ҳукмфармо буд, ва овозе шунидам:+
17 „Оё инсон ба ҳузури Худо одил мешавад?
Оё мард ба ҳузури Офаридагори худ пок мешавад?“+
18 Модоме ки Ӯ ба бандагони Худ эътимод надорад,
ва дар фариштагони Худ нуқсон меёбад,+
19 Чӣ қадар зиёдтар дар сокинони хонаҳои гилин,
ки асосашон хок аст,
ва мисли куя зуд маҳв мешаванд:
20 Аз субҳ то шом пора-пора гардида, ба сурати абадӣ
талаф мешаванд,
бе он ки касе ба онҳо диққат диҳад.
21 Оё риштаи ҳаёташон дар онҳо бурида намешавад?
Ва онҳо мемиранд, дар ҳолате ки ҳикмат пайдо
намекунанд+.

## Давоми он.

[1] Пас, даъват намо, вале кист, ки ба ту ҷавоб гардонад?
Ва ту ба кадоме аз муқаддасон муроҷиат хоҳӣ кард+?
[2] Зеро ки хашм беақлро мекушад,
ва ҳасад соддалавҳро ба ҳалокат мерасонад+.
[3] Ман дидаам, ки беақле реша медавонд,
ва ногаҳон маскани ӯ гирифтори бало шуд.
[4] Фарзандони ӯ аз наҷот маҳрум мешаванд,
ва назди маҳкама озор мекашанд,
ва халоскунандае нест,
[5] Дар сурате ки ҳосилоти ӯро гуруснагон мехӯранд,
ва аз даруни хорбандҳо онро чида мегиранд,
ва ғоратгарон молу мулки ӯро фурӯ мебаранд.
[6] Зеро ки ҷафо аз хок намерӯяд,
ва азоб аз замин намесабзад,
[7] Балки одамизод барои азоб зоида мешавад,
чунон ки шарораҳо парида боло мебароянд.
[8] Аммо ман ба Худо илтиҷо менамудам,
ва даъвои худро ба Худо месупурдам,
[9] Ки Ӯ корҳои бузурги беҳадду ҳисобе мекунад,
корҳои аҷоибе ки сону шумор надорад:+
[10] Ӯ бар рӯи замин борон медиҳад,
ва бар рӯи саҳроҳо об мефиристад+.
[11] Ӯ афтодагонро ба мартабаи баланд мерасонад,
ва ғамзадагон наҷот ёфта, сарбаланд мешаванд+.
[12] Ӯ дасисаҳои маккоронро вайрон мекунад,
ва дастҳошон ноил намешавад.
[13] Ӯ хирадмандонро ба макри худашон гирифтор мекунад,
ва машварати каҷкорон барбод меравад;+
[14] Онҳо рӯзона ба торикӣ дучор меоянд,
ва пешингоҳ, мисли он ки шаб бошад, даст-дасткунон роҳ мераванд+.
[15] Ӯ бенаворо аз шамшери даҳони онҳо
ва аз дасти зӯровар наҷот медиҳад+.
[16] Ва умеде барои бемаҷол пайдо мешавад,
ва ноинсофӣ даҳони худро мебандад+.

17 Инак, хушо касе ки Худо варо танбеҳ намудааст!
Пас, ҷазои Қодирро рад накун,+
18 Зеро ки Ӯ маҷрӯҳ мекунад ва Худаш ҷароҳатбандӣ менамояд;
Ӯ зарба медиҳад, ва дасти Худаш шифо мебахшад;+
19 Дар шаш мусибат туро раҳо мекунад,
ва дар ҳафтумаш ба ту осеб намерасад;+
20 Дар вақти қаҳтӣ туро аз мурдан халос мекунад,
ва дар ҷанг аз дасти шамшер+.
21 Аз пеши забон пинҳон хоҳӣ шуд, ва аз фалокат,
вақте ки ояд, нахоҳӣ тарсид+.
22 Бар тороҷ ва бар қаҳтӣ хоҳӣ хандид,
ва аз ҳайвоноти замин нахоҳӣ тарсид,
23 Зеро ки бо сангҳои саҳро ту иттифоқ хоҳӣ кард,
ва ҳайвоноти саҳро бо ту сулҳ хоҳанд баст.
24 Ва хоҳӣ донист, ки хаймаи ту саломат аст,
ва чун маскани худро тафаққуд намоӣ, чизе камӣ нахоҳад кард.
25 Ва хоҳӣ донист, ки насли ту сершумор аст,
ва авлоди ту мисли алафи замин+.
26 Ва дар куҳансолӣ ба қабр хоҳӣ рафт, мисли бандҳои ғалла,
ки дар мавсимаш ғарам карда мешавад+.
27 Он чи мо тафтиш кардаем, ин ҷост, ва он дуруст аст;
пас ту онро бишнав, ва барои худ бидон».

## Айюб ба Алифоз ҷавоб мегардонад ва дилсӯзии ӯро металабад.

1 Ва Айюб ҷавоб гардонда, гуфт:
2 «Кошки ғуссаи ман баркашида мешуд,
ва азоби маро бо он бар тарозу мегузоштанд!
3 Зеро ки ҳоло он аз реги дарьёҳо вазнинтар аст,
бинобар ин суханонам сахт аст+.
4 Зеро ки тирҳои Қодир андаруни ман аст,
ки заҳри онҳоро рӯҳи ман мечашад;
даҳшатҳои Худо бар зидди ман саф бастааст+.
5 Оё гӯрхар дар алафзор ҳанг мезанад?
Оё наргов дар сари охури худ маос мезанад?
6 Оё чизи бемазаро намак назада мехӯранд?
Оё сафедии тухм таъм дорад?
7 Ҷони ман аз даст расондан ба ин чизҳо нафрат дорад:
онҳо мисли чиркоби ҷисми ман аст.
8 Кошки орзуи ман ба амал меомад,
ва Худо умеди маро ба иҷро мерасонд!
9 Ва Худо таваҷҷӯҳ намуда, маро маҳв мекард,
ва дасти Худро дароз карда, риштаи умри маро мебурид!+
10 Ва ин барои ман боз як тасаллӣ мешуд,
ва ман дар азияти беамони худ аз он дилхуш мешудам,
ки суханони Қуддусро инкор накардаам.
11 Ман чӣ қуввате дорам, ки умедвор шавам?
Ва чӣ муроде дорам, ки сабр пеша кунам?
12 Оё қуввати ман қуввати сангҳост?
Оё ҷисми ман аз мис аст?
13 Оё ман комилан бемаҷол нестам,
ва тавфиқ аз ман дур нашудааст?
14 Маъюс аз ҷониби ёраш сазовори марҳамат аст,
агарчи тарси Қодирро тарк карда бошад.
15 Бародарони ман мисли селоб бевафогӣ карданд,
мисли маҷрои селҳое ки гузашта мераванд,+
16 Ки онҳо аз ях тираранг мебошанд,
ва барф дар онҳо ниҳон аст;

17 Вале дар ҳавои гарм ҷорӣ шуда, торафт камоб мегарданд,
ва дар авҷи гармо аз ҷои худ нопадид мешаванд;
18 Самтҳои роҳи худро каҷу килеб мекунанд ва буғ гардида,
ба дараҷаи нестӣ мерасанд.
19 Қофилаҳои Темо ба онҳо назар медӯзанд,
корвонҳои Шабо ба онҳо умед мебанданд,+
20 Аммо аз умеди худ хиҷил мешаванд:
ба он ҷо омада, ноумед мешаванд.
21 Акнун шумо низ монанди он шудаед:
даҳшатро дида, тарсидаед.
22 Оё ман гуфтаам: „Чизе ба ман бибахшед?
Ва аз молу мулки худ ришвае барои ман бидиҳед?
23 Ва маро аз дасти душман халос кунед?
Ва фидия дода маро аз дасти мустабидон бихаред?“
24 Маро таълим диҳед, ва ман хомӯш хоҳам монд;
ба ман бифаҳмонед, ки чӣ ғалате кардаам?
25 Чӣ пурзӯр аст суханони ростӣ!
Вале танбеҳи шумо чиро исбот мекунад?
26 Оё гумон мекунед, ки суханон барои исбот кофист?
Ва гуфтори маъюс мисли бод аст+?
27 Дар ҳаққи ятим қуръа мепартоед,
ва ёри худро асбоби харидуфурӯш мегардонед.
28 Ва акнун марҳамат карда ба ман назар андозед,
ва ман дар пеши шумо дурӯғ нахоҳам гуфт.
29 Баргардед, то ки ноинсофӣ нашавад.
Ва боз баргардед, чунки адолати ман яқин аст.
30 Оё дар забони ман ноинсофӣ ҳаст?
Магар коми ман суханони фитнаангезро фарқ намекунад?

## Давоми нутқи Айюб.

[1] Оё ҳаёти одамизод бар замин пурмашаққат нест,
ва рӯзҳои ӯ мисли рӯзҳои муздур нест+?
[2] Чунон ки ғулом иштиёқманди соя аст,
ва чунон ки муздур умедвори музди худ мебошад,+
[3]Ончунон моҳҳои пуразоб насиби ман гардидааст,
ва шабҳои пуризтироб барои ман таъин шудааст.
[4] Вақте ки мехобам, мегӯям:
„Кай мехеста бошам?“
Ва шаб кашол меёбад,
ва ман гирифтори бедорхобӣ шуда, то субҳидам аз паҳлу ба паҳлу мегардам+.
[5] Ҷисми ман бо кирмҳо ва лӯндаҳои хок пӯшида шудааст;
пӯсти ман мекафад ва рим мекунад.
[6] Рӯзҳои ман аз моку тезравтар аст,
ва бо ноумедӣ анҷом меёбад+.
[7] Ба ёд овар, ки ҳаёти ман бод аст,
ва чашми ман некиро дигар нахоҳад дид.
[8] Чашми касе ки маро дидааст, маро дигар нахоҳад дид;
чашмони Ту сӯи ман назар хоҳад кард, — ва дигар нахоҳам буд+.
[9] Чунон ки абр пароканда шуда, нопадид мегардад,
align="" онҷунон касе ки ба гӯр фурӯ меравад, боло нахоҳад баромад,
[10] Ба хонаи худ дигар нахоҳад баргашт,
ва маконаш дигар ӯро нахоҳад шинохт+.
[11] Ман низ даҳони худро нахоҳам боздошт,
аз тангии рӯҳи худ сухан хоҳам ронд,
аз талхии ҷони худ шиква хоҳам кард.
[12] Оё ман дарьё ҳастам, ё наҳанг,
ки бар ман посбон гузоштаӣ?
[13] Вақте ки мегӯям: „Ҷойхобам маро тасаллӣ хоҳад дод, ва бистарам андӯҳи маро хоҳад бардошт“, —
[14] Ту маро бо хобҳо метарсонӣ,
ва бо рӯъёҳо дар даҳшат меандозӣ,
[15] Ва он гоҳ ҷони ман хафаҷонро,
яъне маргро аз ин устухонҳои ман афзал медонад.

[16] Аз ҷон безор шудаам, то абад зиндагӣ нахоҳам кард;
маро тарк намо, зеро ки рӯзҳоям ҳеҷу пуч аст+.
[17] Чист инсон, ки ӯро писанд кунӣ,
ва ба ӯ диққат диҳӣ,+
[18] Ва ҳар субҳ ӯро тафаққуд намоӣ,
ва ҳар лаҳза ӯро биозмоӣ+?
[19] То ба кай аз ман рӯй намегардонӣ, маро вонамегузорӣ,
то ки оби даҳони худро фурӯ барам+?
[20] Ҳатто гуноҳ карда бошам ҳам, ба Ту, эй нигаҳбони одамизод, чӣ метавонам бикунам?
Чаро маро ҳадафи Худ гардондаӣ,
ба тавре ки ман барои худ бори гарон шудаам+?
[21] Ва чаро ҷиноятамро намеомурзӣ,
ва аз гуноҳам намегузарӣ?
Зеро ки ҳоло дар хок хоҳам хобид,
ва маро хоҳӣ ҷуст, — ва дигар нахоҳам буд».

## Нутқи якуми Билдод, ки Айюбро риёкор мешуморад.

1 Ва Билдоди Шуҳӣ ҷавоб гардонда, гуфт:+
2 «То ба кай чунин суханонро хоҳӣ гуфт?
Ва гуфтори даҳонат боди пурталотуме хоҳад буд?
3 Оё Худо дар доварӣ каҷкорӣ менамояд?
Ва Қодир адолатро каҷ мекунад+?
4 Модоме ки писаронат назди Ӯ хато кардаанд,
Ӯ онҳоро ба дасти гуноҳашон супурдааст.
5 Агар ту Худоро биҷӯӣ,
ва аз Қодир илтиҷо намоӣ,
6 Ва агар ту пок ва росткор бошӣ,
яқин аст, ки Ӯ бар ҳифзи ту хоҳад бархост,
ва маскани адли туро мукаммал хоҳад кард+.
7 Ва агар аввали ту назарногир бошад,
охири ту бағоят нашъунамо хоҳад ёфт.
8 Зеро ки аз наслҳои қадим бипурс,
ва ба тадқиқоти падарони онҳо диққат намо:+
9 Мо дирӯза ҳастем, ва чизе намедонем,
чунки рӯзҳои мо сояе бар замин аст+.
10 Онҳо, охир, туро таълим хоҳанд дод, ба ту хоҳанд гуфт,
ва суханонро аз таҳти дили худ берун хоҳанд овард.
11 Оё най бе ботлоқ қад мекашад?
Оё қамиш бе об нумӯ мекунад?
12 Ҳанӯз дар айни таровати худ, бе он ки бурида шуда бошад,
пеш аз ҳар алаф хушк мешавад+.
13 Чунин аст тариқи ҳамаи худобехабарон;
ва умеди кофир нест хоҳад шуд,+
14 Ки худбоварии ӯ решакан мешавад,
ва паноҳгоҳи ӯ хонаи анкабӯт аст:+
15 Бар хонаи худ такья мекунад, вале наметавонад истодагӣ намояд;
онро сахт медорад, вале наметавонад қоим бошад+.
16 Пеши офтоб нахл сабзу хуррам аст,
ва навдаҳояш бар рӯи боғаш паҳн мешавад,
17 Решаҳояш назди чашма ба ҳам мепечад,
аз миёни сангҳо гузашта меравад,

18 Аммо агар аз ҷои худ канда шавад,
ҷояш онро инкор карда, мегӯяд: „Туро надидаам!“+
19 Ана ҳамин аст шодмонии роҳи он!
Ва аз хок дигарон хоҳанд сабзид.
20 Инак, Худо беайбро тарк наменамояд,
ва бадкешонро дастгирӣ намекунад.
21 Ӯ боз даҳонатро аз ханда пур хоҳад кард,
ва лабҳоятро аз нидои шодмонӣ+.
22 Бадхоҳонат пероҳани хиҷолат дар бар хоҳанд кард,
ва хаймаи шарирон маҳв хоҳад шуд»+.

## Айюб ба Билдод ҷавоб мегардонад: ӯ гуноҳкор аст, лекин на риёкор.

1 Ва Айюб ҷавоб гардонда, гуфт:
2 «Яқин медонам, ки чунин аст,
вале инсон чӣ гуна ба ҳузури Худо одил шавад+?
3 Агар бихоҳад бо Ӯ баҳс кунад,
яке аз ҳазор ҳам ба вай ҷавоб нахоҳад дод+.
4 Ӯ донодил ва бо қуввати Худ ҷасур аст;
кист, ки бар зидди Ӯ қиём карда, саломат монда бошад?
5 Ӯ кӯҳҳоро мекӯчонад, ва намефаҳманд;
дар ғазаби Худ онҳоро чаппа мекунад.
6 Заминро аз ҷои он меҷунбонад,
ва сутунҳои он ба ларза меоянд+.
7 Ба офтоб амр мефармояд, ва он тулӯъ намекунад;
ва ситорагонро мӯҳр мезанад.
8 Танҳо Худаш осмонро мегустаронад,
ва бар баландиҳои баҳр қадамгузор мешавад+.
9 Дубби Акбар, Ҷаббор ва Парвин ва бурҷҳои ҷанубро офаридааст+.
10 Корҳои бузурги беҳадду ҳисобе мекунад,
ва корҳои аҷоибе ки сону шумор надорад+.
11 Инак, аз пешам убур менамояд, вале Ӯро намебинам;
ва бодвор гузашта меравад, вале Ӯро пайхас намекунам.
12 Инак, мерабояд; кист, ки Ӯро боздорад?
Кист, ки ба Ӯ бигӯяд: „Чӣ мекунӣ“?
13 Худо ғазаби Худро бознамедорад;
мададгорони раҳаб* зери пои Ӯ пахш мешаванд+.
14 Алалхусус ман магар метавонам ба Ӯ ҷавоб гардонам,
ва суханони худро ба ҳузури Ӯ интихоб намоям?
15 Ҳарчанд ҳақ ба ҷониби ман бошад ҳам, ҷуръат надорам ҷавоб гардонам,
балки назди Довари худ тазаррӯъ хоҳам кард+.
16 Агар Ӯро мехондам, ва Ӯ ба ман ҷавоб медод,
— бовар намекардам, ки овози маро шунидааст,
17 Чунки Ӯ маро бо тундбоди хашмаш шикаст медиҳад,
ва ҷароҳатҳои маро бесабаб афзун мекунад,

18 Маро намегузорад, ки нафаси худро рост кунам,
балки маро аз талхиҳо сер мекунад.
19 Агар ин бо қувват вобаста бошад, инак Ӯ ҷасур аст,
ва агар бо доварӣ вобаста бошад, кист, ки маро хабар кунад+?
20 Агар худро сафед кунам, даҳонам маро айбдор менамояд;
ва агар беайб бошам, Ӯ маро каҷкор мешуморад+.
21 Ман беайб ҳастам,
ғами ҷони худро намехӯрам,
аз зиндагии худ безор шудаам+.
22 Фарқ надорад, бинобар ин мегӯям,
ки Ӯ беайб ва шарирро ба ҳалокат мерасонад+.
23 Агар тозиёна баногоҳ бикушад,
ба яъси бегуноҳон Ӯ истеҳзо мекунад.
24 Замин ба дасти шарир дода шудааст;
вай рӯи доварони онро мепӯшонад.
Агар Ӯ набошад, пас кист+?
25 Ва рӯзҳои ман аз даванда тезравтар аст,
— медавад, некӣ намебинад,+
26 Мисли заврақҳои бардӣ ба зудӣ мегузарад,
мисли уқобе ки ба нахчир дартоз ҳамла мекунад.
27 Агар бигӯям, ки „биё, андӯҳи худро фаромӯш кунам,
туршрӯии худро бартараф намоям ва кушодарӯй гардам“, —
28 Аз азиятҳои худ саропо ба изтироб меоям,
зеро медонам, ки Ту маро бегуноҳ ҳисоб нахоҳӣ кард.
29 Модоме ки ман айбдор ҳисоб ёбам,
чаро бар абас заҳмат кашам?
30 Агар дар оби барф ғусл намоям
ва дастҳои худро бо собун тоза кунам,+
31 Он гоҳ маро дар ифлосӣ меғӯтонӣ,
ба тавре ки либосҳоям аз ман нафрат хоҳад кард.
32 Зеро ки Ӯ мисли ман одамизод нест, ки тавонам ба Ӯ ҷавоб гардонам,
ва якҷоя ба дорулқазо биравем+.
33 Дар миёни мо ҳакаме нест,
ки дасти худро бар ҳар дуи мо бигузорад.
34 Кошки асои Худро аз ман дур мекард,

ва бими Ӯ маро дар даҳшат намеандохт!
35 Он гоҳ сухан мерондам ва аз Ӯ наметарсидам,
зеро ки ман ба худии худ чунин нестам.

## Давоми нутқи Айюб.

0 [1] Ҷони ман аз зиндагии ман безор шудааст;
ба андӯҳи худ дода мешавам;
аз талхии ҷони худ сухан меронам+.
[2] Ба Худо мегӯям: „Маро айбдор накун;
ба ман бифаҳмон, ки аз барои чӣ бо ман мубориза мекунӣ+?
[3] Оё барои Ту хуб аст, вақте ки ситам мекунӣ,
вақте ки аз амали дастҳои Худ нафрат менамоӣ,
ва бар машварати шарирон нурафкан мешавӣ?
[4] Оё Туро чашмони башар аст?
Оё дидани Ту мисли дидани инсон аст+?
[5] Оё рӯзҳои Ту мисли рӯзҳои инсон аст?
Оё солҳои Ту мисли рӯзҳои мард аст,
[6] Ки гуноҳи маро ҷустуҷӯ менамоӣ
ва хатои маро кофтуков мекунӣ,
[7] Агарчи медонӣ, ки айбдор нестам,
ва аз дасти Ту халоскунандае нест+?
[8] Дастҳои Ту сурати маро сохта, ҳаматарафа мукаммал намудааст ва маро офаридааст,
— ва маро нобуд мекунӣ+?
[9] Ба ёд овар, ки маро мисли сафол сириштаӣ,
— ва маро ба хок бармегардонӣ+?
[10] Ту, охир, маро мисли шир рехтаӣ,
ва маро мисли панир ба қиём овардаӣ+.
[11] Маро пӯст ва гӯшт пӯшондаӣ,
ва маро бо устухонҳо ва пайҳо пайвастаӣ.
[12] Ҳаёт ва эҳсон ба ман ато кардаӣ,
ва тафаққуди Ту рӯҳи маро нигаҳбонӣ намудааст.
[13] Вале ин чизҳоро низ дар дили худ пинҳон доштаӣ, —
медонам, ки ин андаруни Ту буд, —
[14] Ки агар хатое кунам, Ту бар ман камин хоҳӣ кард,
ва аз гуноҳи ман нахоҳӣ гузашт.
[15] Агар айбдор бошам, вой бар ман!
Ва агар ҳақ ба ҷониби ман бошад, ҷуръат надорам сари худро бардорам:

аз нанг сер шудаам ва доим залолати худро мебинам.
16 Ва агар як лаҳза сар бардорам, Ту мисли шер маро сайд хоҳӣ кард,
ва боз корҳои аҷоиби Худро ба ман нишон хоҳӣ дод.
17 Шоҳидони нави Худро ба муқобили ман хоҳӣ овард,
ва ғазаби Худро бар ман пурзӯр хоҳӣ кард,
ва фавҷҳои азобу уқубат пай дар ҳам ба сари ман хоҳанд омад+.
18 Пас чаро маро аз батн берун овардӣ?
Кошки ҳамон вақт мемурдам, ва чашме маро намедид,+
19 Ки он вақт ба чизи номавҷуде монанд мебудам,
ва аз батн рост ба қабр бурда мешудам!
20 Рӯзҳои ман, охир, ҳанӯз кам аст, пас маро тарк намо,
ва аз ман даст каш, то ки каме кушодарӯй гардам,+
21 Пеш аз он ки бебозгашт биравам,
ба кишвари торикӣ ва зулмот,+
22 Ба кишвари тирагӣ, ки мисли торикист,
ба кишвари зулмот, ки тартиботе надорад,
ва тирагии он мисли торикист“».

## Нутқи якуми Сӯфор.
## Ӯ Айюбро дурӯғгӯй ва риёкор мешуморад.

1 [1] Ва Сӯфори Наъмотӣ ҷавоб гардонда, гуфт:+
[2] «Оё ба суханони бисьёр ҷавоб додан мумкин нест?
Ва оё ҳақ ба ҷониби марди сухандон аст?
[3] Оё ҳарзагӯии ту мардумро хомӯш мекунад,
ва ту таҳқир менамоӣ, ва касе туро хиҷолат намедиҳад?
[4] Ва ту мегӯӣ: „Сабақи ман пок аст,
ва ман дар чашмони Ту беайб ҳастам“+.
[5] Валекин кошки Худо сухан биронад,
ва лабҳои Худро бар ту бикушояд,
[6] Ва асрори ҳикматро ба ту бифаҳмонад,
зеро ки асли моҳияти он дучандон аст!
Пас бидон, ки Худо баъзе аз гуноҳҳоятро барои ту фаромӯш хоҳад кард.
[7] Оё беинтиҳоии Худоро метавонӣ дарьёбӣ?
Оё то ба ақсои умқи Қодир метавонӣ бирасӣ?
[8] Он мисли баландиҳои осмон аст, — чӣ метавонӣ бикунӣ?
Аз қаъри дӯзах чуқуртар аст, — чӣ метавонӣ бидонӣ+?
[9] Андозаи он аз замин дарозтар
ва аз баҳр фарохтар аст.
[10] Агар Ӯ бодвор гузашта равад, ва касеро бандӣ кунад,
ва мардумро барои ҷазои вай ҷамъ оварад, — кист, ки Ӯро боздорад+?
[11] Зеро ки Ӯ риёкоронро медонад,
ва чун талбисро мебинад, оё ба он диққат намекунад?
[12] Ва шахси ҷоҳил соҳибдил хоҳад шуд,
ва мисли харкурраи ваҳшӣ бошад ҳам, одами дуруст хоҳад гардид.
[13] Агар ту дили худро рост кунӣ,
ва дастҳои худро сӯи Ӯ дароз кунӣ,+
[14] Агар ҷафоеро, ки дар дасти туст, дур кунӣ,
ва ноинсофиро дар хаймаҳои худ ҷойгир накунӣ,+
[15] Яқин аст, ки он гоҳ чеҳраи худро хоҳӣ бардошт, бе он ки айбе дошта бошӣ,

ва матин хоҳӣ буд ва нахоҳӣ тарсид.
16 Зеро ки ту азияти худро фаромӯш хоҳӣ кард,
онро мисли обе ки гузашта рафтааст, ба ёд хоҳӣ овард.
17 Ва умри ту аз пешингоҳ равшантар хоҳад шуд;
баъзан тира шавад ҳам, мисли субҳ хоҳад гардид+.
18 Ва дилпур хоҳӣ буд, зеро ки умеде ҳаст,
ва гирду пешро аз назар гузаронда, дилпурона хоҳӣ хобид.
19 Ва ором хоҳӣ хобид, ва чизе туро нахоҳад тарсонид,
ва бисьёр касон ба ту хушомад хоҳанд кард+.
20 Вале чашмони шарирон хира хоҳад шуд,
ва паноҳгоҳ аз онҳо дур хоҳад шуд,
ва умедашон фақат ҷон додан аст».

## Айюб ба ҳар сеи онҳо ҷавоб мегардонад; ӯ ҳикмати худбоваронаи онҳоро рад мекунад.

**2** [1] Ва Айюб ҷавоб гардонда, гуфт:
[2] «Яқин аст, ки шумо гузини қавм ҳастед,
ва ҳикмат бо шумо хоҳад мурд.
[3] Ман низ мисли шумо соҳибдил ҳастам;
аз шумо камтар нестам;
ва кист, ки чунин чизҳоро надонад?
[4] Ман барои ёрони худ хандахариш шудаам, —
агарчи Худоро мехонам, ва Ӯ маро иҷобат менамояд, —
оре, хандахариш шудаам, агарчи одил ва беайб ҳастам+.
[5] Ба фикри лоубол, тамасхур барои мусибатзада аст,
ва зарба барои касонест, ки пояшон лағҷидааст.
[6] Хаймаҳои тороҷгарон ором аст,
ва онҳое ки Худоро ба ғазаб меоваранд, дар амният мебошанд,
ки ҳар яке худои худро дар дасти худ доранд+.
[7] Валекин аз чорпоён бипурс, ва туро таълим хоҳанд дод,
ва аз мурғони ҳаво бипурс, ва ба ту хабар хоҳанд дод;
[8] Ё бо замин мусоҳиба намо, ва туро таълим хоҳад дод,
ва моҳиёни баҳр ба ту ҳикоят хоҳанд кард.
[9] Кист аз ҳамаи онҳо, ки надонад,
ки дасти Худованд инро ба вуҷуд овардааст?
[10] Ҷони тамоми мавҷудот
ва рӯҳи тамоми навъи башар дар дасти Ӯст+.
[11] Оё гӯш суханонро намесанҷад,
чунон ки ком таъми хӯрокро фарқ мекунад+?
[12] Ҳикмат дар пирон аст,
ва хирад дар умри дароз+.
[13] Ҳикмат ва қудрат дар Ӯст,
машварат ва хирад аз они Ӯст.
[14] Инак, Ӯ хароб мекунад, ва он чиз аз нав бино нахоҳад ёфт;
касеро бандӣ мекунад, ва банди он кас кушода нахоҳад шуд+.
[15] Инак, обҳоро бозмедорад, ва хушк мешаванд,
ва онҳоро сар медиҳад, ва заминро чаппаву роста мекунанд.

16 Қудрат ва ҳикмат аз они Ӯст,
ғалаткунанда ва чапғалатдиҳанда назди Ӯст.
17 Ӯ мушовиронро бемулоҳиза мегардонад,
ва доваронро саргаранг мекунад;+
18 Бандҳои подшоҳонро мекушояд,
ва бар камарҳошон миёнбанд мебандад;+
19 Коҳинонро урьён мегардонад,
ва зӯроваронро вожгун мекунад;
20 Суханваронро аз забон маҳрум менамояд,
ва зеҳни пиронро мерабояд;
21 Забуниро бар мирон фурӯ мерезад,
ва камарбанди тавонгаронро суст мекунад;+
22 Умқҳоро аз даруни торикӣ ошкор месозад,
ва зулмотро ба рӯшноӣ мебарорад;+
23 Халқҳоро афзун мегардонад, ва онҳоро маҳв менамояд;
халқҳоро вусъат медиҳад, ва онҳоро тарк мекунад;+
24 Сарварони қавми заминро аз ақл маҳрум менамояд,
ва онҳоро дар бодияи бероҳа сарсону саргардон мекунад:+
25 Дар торикӣ даст-дасткунон роҳ мераванд,
ва рӯшноӣ нест;
ва онҳоро мисли мастон сарсону саргардон мекунад+.

## Давоми нутқи Айюб.

3 [1] Инак, ҳамаашро чашми ман дидааст,
ва гӯши ман шунида, дарк намудааст.
[2] Он қадар, ки шумо медонед, ман низ медонам;
аз шумо камтар нестам.
[3] Аммо ман мехоҳам ба Қодир сухан ронам,
ва орзу дорам ба Худо исбот намоям+.
[4] Валекин шумо дурӯғ мебофед,
ҳамаатон табибони афсунгар ҳастед.
[5] Кошки тамоман хомӯш менишастед!
Ин барои шумо ҳикмат ҳисоб меёфт+.
[6] Пас, мазаммати маро бишнавед,
ва ба эродҳои лабҳоям гӯш андозед.
[7] Оё ба хотири Худо ноинсофона сухан меронед?
Ва аз барои Ӯ фиребгарона гап мезанед?
[8] Оё ба Ӯ рӯйбинӣ мекунед?
Оё барои Худо муддаӣ мешавед?
[9] Оё хуб мешавад, ки Ӯ шуморо таҳқиқ намояд?
Оё Ӯро фиреб мекунед, чунон ки инсонро фиреб мекунанд+?
[10] Шуморо сахт ҷазо хоҳад дод,
агар рустӣ рӯйбинӣ кунед.
[11] Кибриёи Ӯ, охир, шуморо дар даҳшат хоҳад андохт,
ва тарси Ӯ шуморо фаро хоҳад гирифт.
[12] Ёдовариҳои шумо мисли хокистар аст;
ҳисорҳои шумо ҳисорҳои гилин аст.
[13] Назди ман хомӯш бошед, ва ман сухан хоҳам ронд,
ва ҳар чи бар сарам ояд — ояд.
[14] Барои чӣ гӯшти худро бо дандони худ бигазам
ва ҷони худро ба кафи худ бигирам?
[15] Инак, маро қатл кунад ҳам,
ба Ӯ умед хоҳам баст,
аммо беайбии роҳҳои худро ба ҳузури Ӯ исбот хоҳам кард.
[16] Ин низ барои ман наҷот хоҳад буд,
зеро ки риёкор ба хузури Ӯ нахоҳад омад.
[17] Сухани маро бодиққат бишнавед,

ва фикри ман ба гӯшҳотон хоҳад расид.
18 Инак, ба мурофиа оғоз намудаам;
медонам, ки сафед хоҳам шуд.
19 Кист, ки тавонад ба ман мухолифат кунад?
Дар он сурат ҳоло хомӯш шуда, ҷон медодам+.
20 Фақат ду чизро ба ман накун,
он гоҳ аз ҳузури Ту пинҳон нахоҳам шуд:
21 Дасти Худро аз ман дур кун,
ва бигзор бими Ту маро дар даҳшат наандозад+.
22 Ва даъват намо, ва ман ҷавоб хоҳам дод,
ё ки сухан ронам, ва ба ман ҷавоб гардон+.
23 Гуноҳҳо ва хатоҳои ман чӣ қадар аст?
Ҷиноят ва хатои маро ба ман маълум намо.
24 Чаро рӯи Худро пинҳон медорӣ,
ва маро душмани Худ ҳисоб мекунӣ+?
25 Оё барги пажмурдаро ба ҳарос меандозӣ,
ва хаси хушкидаро таъқиб менамоӣ+?
26 Зеро ки талхиҳоро бар ман менависӣ,
ва хатоҳои ҷавониамро ба ман нисбат медиҳӣ,+
27 Ва пойҳои маро дар ишкел меандозӣ,
ва ҳамаи роҳҳои маро мепоӣ —
кафи пойҳои маро пайгирӣ мекунӣ+.
28 Ва ин бечора мисли чизи пӯсида аз ҳам ҷудо мешавад,
мисли либосе ки куя зада бошад+.

## Давоми он.

4 [1] Одамизод, ки аз зан зоида мешавад,
рӯзҳояш кам ва азобаш бисьёр аст:+
[2] Мисли гул месабзад ва пажмурда мешавад,
ва мисли соя мегурезад ва боқӣ намемонад+.
[3] Оё бар чунин махлуқе чашмони Худро менигаронӣ,
ва маро бо Худ ба мурофиа мебарӣ?
[4] Кист, ки тавонад аз чизи наҷис чизи поке берун оварад?
Як нафар ҳам нест+.
[5] Агар рӯзҳои вай муайян
ва шумораи моҳҳои вай назди Ту бошад,
ва ҳадде бароям гузошта бошӣ, ки аз он наметавонад бигзарад, —
[6] Аз вай рӯй гардон, то ки дам гирад
ва рӯзашро мисли муздуре ба анҷом расонад+.
[7] Яқинан барои дарахт умеде ҳаст:
агар бурида шавад, боз хоҳад сабзид,
ва навдаи он барҳам нахоҳад хӯрд;
[8] Агар решаи он дар замин пир шуда,
кундаи он дар хок бимирад,
[9] Ҳамин ки бӯи об ба он бирасад, нашъунамо хоҳад ёфт,
ва мисли ниҳоле ки нав шинонда шуда бошад, шохаҳо хоҳад расонид.
[10] Валекин мард мемирад, — ва фано мешавад,
ва одам ҷон медиҳад, — ва куҷост ӯ?
[11] Чунон ки обҳо аз дарьё меравад,
ва наҳр бе об монда, хушк мешавад,+
[12] Ончунон одамизод хобида, дигар намехезад;
то даме ки осмон фано нашавад,
бедор нахоҳанд шуд, ва аз хобашон сар нахоҳанд бардошт+.
[13] Кошки маро дар гӯр руст мекардӣ,
то вақти фурӯ нишастани ғазабат пинҳон медоштӣ ва бароям
мӯҳлате муайян намуда,
пас аз он маро ба ёд меовардӣ!+
[14] Агар мард бимирад, оё боз зиндагӣ хоҳад кард?
Дар тамоми рӯзҳои замони муайяни худ умедвор мешудам,
то даме ки табдили ман фаро расад+.

15 Маро даъват менамудӣ, ва ман ба Ту ҷавоб мегардондам;
иштиёқманди амали дастҳои худ мегаштӣ,+
16 Зеро ки он гоҳ қадамҳои маро дар шумор меовардӣ,
ва хатои маро намепоидӣ;+
17 Ҷинояти ман дар лӯлае сар ба мӯҳр мебуд,
ва гуноҳи маро рӯпӯш мекардӣ.
18 Валекин, чунон ки кӯҳ афтода, гард-гард мешавад,
ва сахра аз ҷои худ меҷунбад;
19 Об сангҳоро месояд,
ҷараёнҳояш хоки заминро шуста мебарад,
ончунон Ту умеди инсонро несту нобуд мекунӣ.
20 Ӯро ба сурати абадӣ мағлуб менамоӣ, ва меравад;
рӯи ӯро дигаргун месозӣ, ва ӯро мефиристонӣ.
21 Писаронаш бой мешаванд, ва ӯ намедонад;
ва ё ба залолат меафтанд, ва ӯ вазъияти онҳоро пайхас намекунад+.
22 Аммо ҷисми ӯ бар ӯ дард мекунад,
ва ҷони ӯ андаруни ӯ мотам мегирад».

## Нутқи дуюми Алифоз. Ӯ бартарии Айюбро аз ҷиҳати дониш ва таҷриба эътироф намекунад.

5 1 Ва Алифози Темонӣ ҷавоб гардонда, гуфт:+
2 «Оё хирадманд бо дониши пуч ҷавоб медиҳад?
Ва батни худро аз боди самум пур мекунад+?
3 Оё бо гапи номуносиб исбот менамояд?
Ва бо суханоне ки аз онҳо ҳеҷ фоидае нест?
4 Лекин ту худотарсиро поймол намудаӣ,
ва илтиҷоро ба ҳузури Худо кам кардаӣ,
5 Зеро ки гуноҳи ту даҳони туро ром намудааст,
ва ту забони ҳилагаронро хуш кардаӣ.
6 Туро даҳонат айбдор мекунад, ва на ман;
ва лабҳоят ба зидди ту далолат менамояд+.
7 Оё дар насли одамизод ту аввалин таваллуд ёфтаӣ?
Ва ё пеш аз талҳо ба вуҷуд омадаӣ+?
8 Оё рози Худоро шунидаӣ?
Ва ҳикматро сӯи худ ҷалб намудаӣ+?
9 Чӣ медонӣ, ки онро мо надонем?
Чӣ мефаҳмӣ, ки он назди мо набошад+?
10 Ҳам мӯйсафед ва ҳам пиронсол дар байни мо ҳастанд,
ки умрашон аз умри падари ту бузургтар аст.
11 Оё тасаллиҳои Худо барои ту кам аст?
Ва сухане ки бо мулоимат ба ту гуфта мешавад?
12 Чаро дилат туро боло гирифтааст?
Ва чаро чашмонат аз хашм барқ мезанад?
13 Зеро ки рӯҳи худро ба зидди Худо нигаронидаӣ,
ва аз даҳонат чунин суханонро мебарорӣ.
14 Инсон чист, ки пок бошад?
Ва оё зодаи зан одил мешавад+?
15 Инак, Ӯ ба муқаддасони Худ эътимод надорад,
ва осмон дар назараш пок нест,+
16 Алалхусус одамизод зишт ва фосид аст,
ки ноинсофиро мисли об менӯшад+.
17 Фикри худро ба ту изҳор менамоям, маро бишнав;
ва он чи дидаам, ҳикоят мекунам,

18 Ки хирадмандон онро аз падарони худ ривоят кардаанд
ва пинҳон надоштаанд,+
19 Ки танҳо ба онҳо ин замин дода шуда буд,
ва аз миёни онҳо бегонае нагузашта буд.
20 Шарир дар тамоми рӯзҳои худ гирифтори сӯзу гудоз аст,
ва солҳои башумор барои ситамгар таъин шудааст.
21 Садои даҳшатҳо дар гӯшҳои ӯст;
дар ҳини осоиштагӣ тороҷгар ба сараш меояд;
22 Боварӣ надорад, ки аз торикӣ раҳо хоҳад шуд,
ва ба гумонаш шамшер ӯро дар камин аст;
23 Барои порчаи ноне дарбадар гашта, мепурсад: „Куҷост?“
Медонад, ки назди ӯ рӯзи торикӣ муҳайёст.
24 Тангӣ ва мӯҳтоҷӣ ӯро дар даҳшат меандозад,
мисли подшоҳе ки ба ҷанг тайёр шуда бошад,
ӯро мағлуб месозад,
25 Зеро ки ӯ ба Худо дасти тааддӣ дароз кардааст
ва ба Қодир густохӣ намудааст,
26 Гардандарозӣ карда, дар таҳти ҳалқаҳои
ғафси ҷавшани худ бар Ӯ тохт овардааст,
27 Чунки рӯи худро бо фарбеҳии худ пӯшондааст,
ва камараш қабат-қабат чарбу бастааст;+
28 Ва дар шаҳрҳои вайрон сокин хоҳад шуд,
дар хонаҳои ғайримаскуне
ки ба харобӣ маҳкум гардидааст.
29 Ӯ бой нахоҳад шуд, ва сарваташ қоим нахоҳад монд,
ва молу мулкаш бар замин афзоиш нахоҳад ёфт;
30 Аз торикӣ халос нахоҳад шуд;
ниҳолашро аланга хушк хоҳад кард,
ва аз нафаси даҳони Ӯ нобуд хоҳад шуд+.
31 Бигзор ин одами гумроҳ ба батолат бовар накунад,
зеро ки батолат мукофоти ӯ хоҳад шуд;
32 Пеш аз расидани рӯзаш фано хоҳад шуд,
ва шоху баргаш сабзу хуррам нахоҳад буд;+
33 Мислиток ғӯраи худро хоҳад рехт,
ва мисли зайтун муғҷаи худро хоҳад партофт;
34 Зеро ки хонадони риёкор гирифтори бекасӣ хоҳад шуд,

ва аҳли байти ришвахӯрро оташ маҳв хоҳад кард+.
35 Онҳое ки ба хабосат ҳомила мешаванд, бадиро мезоянд,
ва батнашон макрро тайёр мекунад»+.

## Ҷавоби чоруми Айюб. Ӯ ба Худо аз дӯстони худ, ки дар иштибоҳ афтодаанд, шикоят мекунад.

6 [1] Ва Айюб ҷавоб гардонда, гуфт:
[2] «Чунин чизҳоро аз ҳад зиёд шунидаам;
ҳамаатон тасаллидиҳандагони ғамовар ҳастед.
[3] Оё суханони пуч хотима хоҳад ёфт?
Ва чист, ки туро ба ҷавоб гардондан водор менамояд+?
[4] Ман низ мисли шумо сухан мерондам,
агар ҷони шумо ба ҷои ҷони ман мебуд;
барои шумо суханон иншо мекардам,
ва сари худро ба шумо меҷунбондам;
[5] Бо даҳони худ шуморо далер менамудам,
ва тасаллии лабҳоям дарди шуморо сабук мекард.
[6] Агар сухан ронам, дардам сабук намешавад,
ва агар хомӯш монам, чӣ дарде аз ман дур мешавад?
[7] Аммо акнун Ӯ маро бетоқат кардааст.
Тамоми хонадони маро Ту маҳв намудаӣ,+
[8] Ва ҷисми маро пурчин кардаӣ,
ки ин бар зидди ман шоҳид шудааст;
ва лоғарии ман бар ман қиём намуда,
дар пеши ман гувоҳӣ медиҳад.
[9] Ғазаби Ӯ маро медарад ва бо ман адоват дорад;
дандонҳои Худро бар ман ғиҷиррос мезанонад.
Душманам чашмонашро ба ман ало мекунад+.
[10] Мардон даҳони худро бар ман воз кардаанд,
бо суханони нангин рухсорҳоямро мезананд;
бар қасди ман забон як кардаанд+.
[11] Худо маро ба ноинсофон таслим намудааст,
ва ба дасти шарирон маро супурдааст.
[12] Ором будам, ва Ӯ маро пора-пора кардааст,
ва аз гарданам дошта, маро шикастааст,
ва маро барои Худ ҳадаф қарор додааст+.
[13] Камонандозони Ӯ маро иҳота кардаанд.
Гурдаҳоямро реш мекунанд, ва раҳмаш намеояд;
заҳраи маро бар замин мерезад;+

14 Маро рахна бар рахна мекушояд,
мисли баҳодуре бар ман тохт меоварад.
15 Бар пӯсти худ палос дӯхтаам,
ва шохи худро дар хок гузоштаам.
16 Рӯи ман аз гирья суп-сурх шудааст,
ва бар мижгони ман зулмот аст,
17 Гарчанде ки ҳеҷ ситаме дар дасти ман нест,
ва дуои ман нок аст.
18 Эй замин! Хуни маро рӯпӯш накун,
ва бигзор дар умқи ту барои фиғони ман ҷое набошад.
19 Инак, алҳол низ Гувоҳи ман дар осмон аст,
ва Шоҳиди ман дар арши аъло!+
20 Маро тамасхур мекунед, эй дӯстонам!
Чашми ман сӯи Худо ашк мерезад,
21 То ки Ӯ байни мард ва Худо доварӣ намояд,
чунон ки байни одамизод ва ёри вай аст.
22 Зеро ки солҳои андак ба охир мерасад,
ва ман ба роҳи бебозгашт хоҳам рафт.

## Давоми нутқи Айюб.

7 [1] Рӯҳи ман пажмурда шудааст, рӯзҳои ман ба поён мерасад,
қабристон барои ман муҳайёст.
[2] Ба ростӣ, тамасхуркунандагон гирдогирди мананд,
ва чашми ман дар талхгӯиҳои онҳо сокин аст+.
[3] Гарав гузошта, ба ҳузури Худ ба ман зомин шав!
Вагар на, кист, ки барои ман дасти паймон диҳад+?
[4] Зеро ки дили онҳоро аз хирад ниҳон доштаӣ,
бинобар ин онҳоро баланд нахоҳӣ бардошт.
[5] Касе ки ёронашро ба сони нахҷир таслим мекунад,
чашмони бачагонаш сиёҳ меравад.
[6] Худо маро вирди забони мардум гардондааст,
ва ман касе шудаам, ки ҳама ба рӯяш туф мекунанд+.
[7] Ва чашми ман аз ғусса хаста шудааст,
ва тамоми андомам мисли соя гардидааст.
[8] Ростқорон дар ин бора мутаҳайир хоҳанд шуд,
ва бегуноҳ бар риёкор ба ғазаб хоҳад омад.
[9] Вале одил дар роҳи худ устувор хоҳад буд,
ва каси покизадаст боз ҳам қавӣ хоҳад шуд.
[10] Валекин ҳамаатон метавонед бозгашта биёед,
ва дар миёни шумо хирадманде нахоҳам ёфт.
[11] Рӯзҳоям гузаштааст, андешаҳоям, — орзуҳои дилам, —
барбод рафтааст+.
[12] Шабро мехоҳанд ба рӯз мубаддал кунанд,
нурро ба торикӣ наздик оваранд+.
[13] Агар умед кунам, ки дӯзах хонаи ман аст,
ва дар торикӣ бистари худро андозам,+
[14] Агар ба гӯр гӯям: „Ту падари ман ҳастӣ“,
ва ба кирм гӯям: „Ту модар ва хоҳари ман ҳастӣ“, —
[15] Пас, умеди ман куҷост?
Ва кист, ки умеди маро дида бошад?
[16] Он ба дарвозаи дӯзах фурӯ хоҳад рафт,
вақте ки якҷоя дар хок фурӯд оем».

## Нутқи дуюми Билдод.

## Ӯ ногузир будани ҳалокати шариронро қайд менамояд.

8 [1] Ва Билдоди Шуҳӣ ҷавоб гардонда, гуфт:+
[2] «То ба кай ба суханон идома хоҳӣ дод?
Аввал мулоҳиза кунед, ва баъд сухан хоҳем ронд.
[3] Чаро мисли чорпое ҳисоб ёбем
ва дар назари шумо кундзеҳн намоем+?
[4] Эй, ки ҷони худро дар ғазаби худ медарӣ!
Наход ки барои ту замин хароб шавад,
ва кӯҳпора аз ҷояш кӯч кунад?
[5] Бо вуҷуди ин, нури шарирон хомӯш хоҳад шуд,
ва шарораи оташи онҳо рӯшноӣ нахоҳад дод+.
[6] Дар хаймаи ӯ нур тира хоҳад гардид,
ва чароғаш бар ӯ хомӯш хоҳад шуд.
[7] Қадамҳои пурзӯри ӯ танг хоҳад шуд,
ва машвараташ ӯро вожгун хоҳад кард+.
[8] Зеро ки бо пойҳояш дар дом хоҳад афтод,
ва бар рӯи тӯр роҳ хоҳад рафт+.
[9] Тузоқ пошнаи ӯро хоҳад қапид,
ва қапқон ӯро сахт нигоҳ хоҳад дошт.
[10] Ҷела барояш бар замин ниҳон аст,
ва чапарак барояш дар сари роҳ.
[11] Аз ҳар тараф даҳшатҳо ӯро хоҳад тарсонид,
ва дар ҳар қадамаш ӯро таъқиб хоҳад кард+.
[12] Насли ӯ гурӯснагӣ хоҳад кашид,
ва ҳалокат барои афтодани ӯ тайёр аст;
[13] Андоми ҷисми ӯро хоҳад хӯрд:
нахустзодаи марг андоми ӯро хоҳад хӯрд.
[14] Аз хаймаи ӯ, ки паноҳгоҳи ӯст, ронда хоҳад шуд,
ва сӯи подшоҳи даҳшатҳо бурда хоҳад шуд.
[15] Дар хаймаи ӯ, ки дигар аз они ӯ набошад, даҳшатҳо сокин хоҳад шуд;
бар маскани ӯ кибрит боронида хоҳад шуд+.
[16] Решаҳои ӯ аз зер хушк хоҳад шуд,

ва шоху барги ӯ аз боло бурида хоҳад шуд.
17 Зикри ӯ аз замин маҳв хоҳад шуд,
ва номи ӯро бар рӯи саҳро касе нахоҳад хонд+.
18 Ӯро аз рӯшноӣ ба торикӣ хоҳанд ронд,
ва аз дуньё дур хоҳанд кард.
19 Дар оилаи ӯ на аберае ӯро хоҳад буд ва на наберае;
ва дар иқоматгоҳҳои ӯ касе боқӣ нахоҳад монд+.
20 Аз рӯи ӯ ғарбиён ҳайрон хоҳанд монд,
ва шарқиён ба даҳшат хоҳанд афтод.
21 Ба яқин чунин аст масканҳои каси ноинсоф,
ва ҳамин аст қисмати макone ки Худоро намешиносад»+.

## Ҷавоби панҷуми Айюб; бузургии имони ӯ.

9 [1] Ва Айюб ҷавоб гардонда, гуфт:
[2] «То ба кай ҷони маро андӯҳгин мекунед?
Ва маро бо суханон озор медиҳед?
[3] Ин даҳ маротиба аст, ки маро маломат менамоед,
ва шарм надошта, ба ман дуруштӣ мекунед.
[4] Ва агар ҳақиқатан ғалат карда бошам,
ғалатам бо ман мондааст.
[5] Агар ҳақиқатан бар ман такаббур карданӣ ва нанги маро ба ман нишон доданӣ бошед,
[6] Пас бидонед, ки Худо дар ҳаққи ман каҷкорӣ намудааст ва бо тӯри Худ маро печонда гирифтааст.
[7] Инак, аз дасти зулм фарьёд мекашам, ва мустаҷоб намешавам;
истиғоса мебарам, ва инсофе нест+.
[8] Роҳи маро тавора кашидааст, ва ман наметавонам гузарам;
ва бар тариқҳои ман торикӣ афкандааст+.
[9] Ҷалоли маро аз ман кашида гирифтааст,
ва тоҷи сари маро дур кардааст+.
[10] Маро гирдогирд хароб кардааст, ва ман талаф мешавам;
ва умеди маро, мисли дарахте, решакан кардааст.
[11] Ғазаби Худро бар ман афрӯхтааст,
ва маро душмани Худ ҳисоб кардааст+.
[12] Фавҷҳои Ӯ якҷоя меоянд,
ва роҳи худро сӯи ман кушодаанд,
ва гирдогирди хаймаи ман ҷойгир шудаанд+.
[13] Бародаронамро аз ман дур кардааст,
ва ошноҳоям аз ман тамоман бегона шудаанд+.
[14] Ақрабоям маро тарк намудаанд,
ва ошноҳоям маро фаромӯш кардаанд.
[15] Меҳмонони хонаам ва канизонам маро бегона ҳисоб мекунанд:
дар назари онҳо одами ғайр шудаам.
[16] Ғуломи худро мехонам, ва ҷавоб намедиҳад,
агарчи бо даҳони худ ӯро тазаррӯъ менамоям.
[17] Нафаси ман барои занам нафратангез шудааст,
ва тазаррӯи ман барои бародаронам+.

18 Бачаҳои кӯча низ аз ман нафрат доранд;
Вақте ки мехезам, маро таҳқир мекунанд+.
19 Ҳамаи маҳрамони розам аз ман безор шудаанд,
ва онҳое ки дӯст медоштам, ба ман зид шудаанд.
20 Устухонам ба пӯсти баданам часпидааст,
ва фақат бо вораи дандонҳоям мондаам.
21 Ба ман лутф намоед, ба ман лутф намоед шумо, эй ёронам!
Зеро ки дасти Худо бар ман зарба расондааст+.
22 Чаро мисли Худо маро таъқиб мекунед
ва аз гӯшти ман сер намешавед?
23 Кошки суханонам навишта мешуд!
Кошки дар китобе дарҷ меёфт!+
24 Кошки бо қалами оҳанин
ва қалъагӣ бар кӯҳпорае ба сурати абадӣ канда мешуд!+
25 Ва ман медонам, ки фидиягузори ман зинда аст,
ва дар замони охир бар замин қиём хоҳад кард+.
26 Вале агарчи пӯсти ман пӯсида гардад,
ман дар ҷисми худ Худоро мебинам+.
27 Ӯро ман барои худ мебинам,
ва чашмонам ба Ӯ менигарад, ва на чашми бегонае;
гурдаҳоям андаруни ман талаф шудааст.
28 Аммо агар бигӯед, ки „чӣ сон ӯро таъқиб кунем?“,
ва қарор диҳед, ки решаи бадӣ дар ман аст, —
29 Пас, шумо аз шамшер тарсон бошед,
зеро ки зарбаҳои шамшер хашмовар аст,
то бидонед, ки доварӣ ҳаст»+.

## Нумқи дуюми Сӯфор дар бораи бебақоии бахти шарирон.

0 [1] Ва Сӯфори Наъмотӣ ҷавоб гардонда, гуфт:+
[2] «Аз он сабаб андешаҳоям маро ба ҷавоб гардондан таҳрик
медиҳад, ки ман таҳқирро ҳис кардам:
[3] Мазамматi пурмаломатро дар ҳаққи худ шунидам,
ва рӯҳе аз даруни хирадам маро водор менамояд, ки ба ту ҷавоб
диҳам.
[4] Оё инро надонистаӣ, ки аз қадимулайём,
аз замоне ки одамизод бар замин пайдо шудааст,+
[5] Таронасароии шарир кӯтоҳмуддат аст,
ва шодии риёкор ба як тарфатулайн аст?
[6] Ҳарчанд ки шавкаташ то ба осмон баланд гардад,
ва сараш ба абрҳо бирасад,+
[7] Мисли наҷосаташ абадан нест хоҳад шуд;
онҳое ки ӯро дида буданд, хоҳанд гуфт: „Ӯ куҷост?“+
[8] Мисли хоб хоҳад парид, ва ӯро нахоҳанд ёфт,
ва мисли рӯъёи шаб аз назар ғоиб хоҳад шуд+.
[9] Чашме ки ӯро дида буд, дигар нахоҳад дид,
ва маконаш дигар ба ӯ нахоҳад нигарист+.
[10] Писаронаш бо бенавоён мувосо хоҳанд кард,
ва дастҳояш сарвати ӯро гардонда хоҳад дод.
[11] Устухонҳояш, ки пур аз таровати ҷавонии ӯст,
бо ӯ дар хок хоҳад хобид.
[12] Агарчи дар даҳони ӯ бадӣ ширин аст,
ва онро дар таги забонаш ниҳон мекунад,+
[13] Ва онро дареғ дошта, тарк намекунад,
ва онро дар лунҷи худ нигоҳ медорад, —
[14] Хӯроки ӯ дар амъояш табдил ёфта,
андаруни ӯ мисли заҳри гурзаҳо хоҳад шуд.
[15] Сарватеро, ки фурӯ бурда буд, қай хоҳад кард:
онро Худо аз шиками ӯ бадар хоҳад ронд.
[16] Ӯ заҳри гурзаҳоро хоҳад макид;
забони афъӣ ӯро хоҳад кушт.
[17] Ӯ ҷӯйборро нахоҳад дид:
наҳрҳо ва ҷӯйҳои асал ва қаймоқро.

18 Дороии худро хоҳад баргардонид,
ва онро фурӯ нахоҳад бурд;
сарваташ ҳарчанд бузург бошад ҳам,
аз он шод нахоҳад шуд.
19 Зеро ки ӯ бар бенавоён зулм карда, онҳоро партофтааст;
хонаеро, ки бино накардааст, тороҷ намудааст.
20 Чунки дар шиками худ сериро надонистааст;
аз бору буди худ чизеро халос нахоҳад кард.
21 Аз пурхӯрии ӯ чизе боқӣ намемонад,
пас нозу неъмати ӯ пойдор нахоҳад буд.
22 Вақте ки ҳавасҳояш пурра ба иҷро расад, ӯ ба танг хоҳад омад;
ҳар дасти ситамкаш бар ӯ қиём хоҳад кард.
23 Чун шикамашро пур кардан хоҳад,
Худо шиддати ғазаби Худро бар ӯ равона хоҳад кард,
ва онро мисли борон бар ҷисми ӯ меборонад.
24 Агар аз яроқи оҳанин гурезад,
камони мисин ӯро шикоф хоҳад кард:
25 Ҷисмашро шикофта, аз тахтапушташ берун хоҳад омад,
ва барқи синон аз заҳраи ӯ хоҳад гузашт;
даҳшатҳо ӯро фаро хоҳад гирифт+.
26 Тамоми торикӣ барои паноҳкардагони ӯ муҳайёст;
оташе ки касе надамида бошад, ӯро хоҳад хӯрд ва он
чиро, ки дар хаймаи ӯ боқист, талаф хоҳад кард+.
27 Осмон гуноҳи ӯро ошкор хоҳад кард,
ва замин ба муқобили ӯ хоҳад бархост.
28 Ҳосили хонаи ӯ талаф хоҳад шуд:
дар рӯзи ғазаби Ӯ барбод хоҳад рафт.
29 Чунин аст қисмати одами шарир аз ҷониби Худо,
ва қазову қадари ӯ аз ҷониби Қодир»+.

## Ҷавоби шашуми Айюб.

## Хушбахтии шарирон баъзан вақти бисъёр давом мекунад, то даме ки ба доварии Худо дучор оянд.

**1** [1] Ва Айюб ҷавоб гардонда, гуфт:
[2] «Сухани маро бодиққат бишнавед,
ва ин барои ман тасаллиҳои шумо хоҳад буд.
[3] Маро тоқат кунед, ва ман сухан хоҳам ронд;
ва баъд аз сухан ронданам тамасхур намо+.
[4] Оё шикоятам ба зидди одамест, ки мисли ман бошад?
Ва чаро ман бесабрӣ накунам?
[5] Ба ман назар кунед ва мутаҳайир шавед,
ва даст бар даҳон бимонед+.
[6] Ман низ, чун ба ёд оварам, ба ҳаяҷон меоям,
ва ҷисми маро ларза мегирад.
[7] Чаро шарирон зинда мемонанд,
ба пирӣ мерасанд ва сарват афзун мекунанд+?
[8] Наслашон ба ҳузури онҳо, бо онҳо сиҳат саломат аст
ва авлодашон пеши назари онҳост.
[9] Хонаҳошон аз тарс эмин аст,
ва асои Худо бар онҳо нест.
[10] Нарговашон бордор мекунад, ва зоеъ намеравад;
модаговашон мезояд, ва гӯсолаи он нобуд намешавад.
[11] Кӯдакони худро мисли рамае мефиристанд, ва бачаҳои онҳо рақс мекунанд.
[12] Бо даф ва барбат месароянд,
ва бо садои най дилхушӣ мекунанд.
[13] Рӯзҳои худро дар хушбахтӣ мегузаронанд,
ва ба як тарфатулъайн ба қабр фурӯд меоянд.
[14] Ва ба Худо мегӯянд: „Аз мо дур шав!
Ба донистани тариқҳои Ту хоҳиш надорем+.
[15] Қодир кист, ки Ӯро ибодат кунем?
Ва чӣ нафъ дорад, ки ба Ӯ илтиҷо намоем?“+
[16] Яқин дорам, ки нозу неъматашон дар дасти онҳо нест.
Машварати шарирон аз ман дур бод!+

17 Оё бисьёр воқеъ шудааст, ки нури шарирон хомӯш бошад,
ва ҳалокаташон бар сарашон омада бошад,
ва Ӯ дар ғазаби Худ азиятҳоро насиби онҳо гардонда бошад+?
18 Оё онҳо мисли хасе пеши бод гардидаанд?
Ва мисли пари коҳе ки гирдбод гирифта мебарад+?
19 Мегӯед, ки „Худо ҷафои варо барои фарзандони вай сиришта хоҳад
кард“.
Бигзор Ӯ худи варо сазо диҳад, то ки вай инро бидонад,+
20 Чашмонаш мусибати варо бубинад,
ва худаш аз ҷоми ғазаби Қодир бинӯшад,+
21 Зеро ки баъд аз мурданаш варо дар хонааш чӣ ҳоҷате ҳаст,
дар сурате ки шумораи моҳҳояш ба итмом расидааст?
22 Оё Худоро дониш омӯхтан мумкин аст,
дар сурате ки Ӯ бар нуфуси улвӣ доварӣ мекунад+?
23 Яке дар айни бардамии худ мемирад,
дар ҳолате ки тамоман бекудурат ва некрӯз аст;
24 Зарфҳояш пур аз шир аст,
ва мағзу устухонҳояш тару тоза аст.
25 Вале дигаре дар талхин ҷон мемирад,
дар ҳолате ки аз некӯӣ лаззат набурдааст.
26 Онҳо якҷоя дар хок мехобанд,
ва кирмҳо онҳоро рӯпӯш мекунад.
27 Инак фикрҳои шуморо медонам,
ва дасисаҳоеро, ки дар ҳаққи ман ноҳақ андешидаед.
28 Зеро ки мегӯед: „Куҷост хонаи наҷиб?
Ва куҷост хаймаи масканҳои шарирон?“
29 Оё аз сайёҳон напурсидаед,
ва далелҳои онҳоро наметавонед инкор намоед,
30 Ки бадкор дар рӯзи мусибат маҳфуз дошта мешавад,
ва дар рӯзи ғазаб ба паноҳгоҳе бурда мешавад+?
31 Кист, ки тавонад роҳи ӯро дар пеши ӯ мазаммат намояд?
Ва кист, ки ӯро барои кардаи ӯ сазо диҳад+?
32 Ва ӯ ба гӯристон бурда мешавад,
ва дар мазораш нигаҳбоне гузошта мешавад.
33 Кулӯхҳои водӣ барои ӯ ширин аст,
ва аз қафояш издиҳоми мардум гусел мекунанд,

ва пешопеши ӯ онҳо сону шумор надоранд.
34 Пас, чӣ гуна маро бо суханони пуч тасаллӣ медиҳед,
дар сурате ки аз ҷавобҳои шумо фақат хиёнат боқӣ мондааст?»

## Нутқи сеюми Алифоз.

## Ӯ мисли пештара Айюбро гуноҳкор мешуморад.

2 [1] Ва Алифози Темонӣ ҷавоб гардонда, гуфт:+
[2] «Оё мард ба Худо фоида мерасонад?
Ба яқин, соҳибфаҳм фақат ба худаш фоида мерасонад.
[3] Оё ба ин ки ту одил бошӣ, Қодирро ҳоҷате ҳаст?
Ва оё Ӯро фоидае ҳаст аз он ки ту роҳҳои худро беайб созӣ+?
[4] Оё аз боиси худотарсии ту Ӯ туро азият медиҳад?
Бо ту ба мурофиа меояд?
[5] Оё шарорати ту бузург нест?
Ва гуноҳҳои ту беинтиҳо нест?
[6] Яқин аст, ки ту аз бародарони худ ноҳақ гарав гирифтаӣ,
ва либоси бараҳнагонро кашидаӣ+.
[7] Ба ташна об надодаӣ,
ва аз гурусна нонро дареғ доштаӣ+.
[8] Вале шахси муштзӯр соҳиби замин буд,
ва олимақом дар он сокин мешавад.
[9] Бевазанонро тиҳидаст фиристодаӣ,
ва бозувони ятимон шикаста шудааст+.
[10] Бинобар ин гирдогирди ту домҳост,
ва тарси ногаҳонӣ туро дар изтироб андохтааст,+
[11] Ё торикӣ, ки чизеро дар он намебинӣ,
ва оби фаровон туро пӯшонидааст+.
[12] Худо, охир, дар афрози осмон аст;
ба сари ситораҳо бингар: чӣ гуна онҳо баланд аст!+
[13] Вале ту мегӯӣ: „Худо чӣ медонад?
Оё Ӯ метавонад аз миёни тирагӣ доварӣ намояд+?
[14] Абрҳо пардаи Ӯст, ва Ӯ намебинад,
ва дар гунбази афлок гардиш мекунад“.
[15] Оё ту тариқи қадимиёнро пайравӣ менамоӣ,
ки мардуми ҷафокор бо он равона буданд,
[16] Ва онҳо бемаҳал маҳкум гардиданд,
ва буньёдашон ба наҳре мубаддал шуд+?
[17] Чунки ба Худо гуфтанд: „Аз мо дур шав!

Ва Қодир ба мо чӣ метавонад бикунад?“+
18 Ва ҳол он ки Ӯ хонаҳошонро аз нозу неъмат пур карда буд.
Машварати шарирон аз ман дур бод!+
19 Одилон инро дида, шод шуданд,
ва бегуноҳ онҳоро тамасхур кард:+
20 „Ба яқин, мухолифони мо талаф шудаанд,
ва бақияи онҳоро оташ хӯрдааст“.
21 Пас, бо Ӯ мувофиқат намо, ва саломат бош;
ба ин тариқ ба некӯӣ ноил хоҳӣ шуд.
22 Аз даҳони Ӯ таълимот биомӯз.
ва гуфтори Ӯро дар дили худ ҷойгир намо+.
23 Агар ба Қодир руҷӯъ намоӣ, бино хоҳӣ ёфт,
ба шарте ки ноинсофиро аз хаймаи худ дур созӣ,+
24 Ва хазинаи тиллоро дар хок
ва зари Ӯфирро дар сангҳои селобҳо андозӣ, —+
25 Он гоҳ Қодир хазоини тиллои ту
ва нуқраи хушъиёр барои ту хоҳад буд,
26 Зеро ки он вақт аз Қодир шодкомӣ хоҳӣ ёфт,
ва рӯи худро сӯи Худо хоҳӣ бардошт+.
27 Сӯи Ӯ дуо хоҳӣ гуфт, ва Ӯ туро иҷобат хоҳад намуд,
ва ту назрҳои худро иҷро хоҳӣ кард+.
28 Ва чизеро ният кунӣ, ва он барои ту ба амал хоҳад омад,
ва бар роҳҳои ту рӯшноӣ хоҳад дурахшид+.
29 Агар сарпаст кунанд, хоҳӣ гуфт: „Баландӣ бидеҳ!“,
ва Ӯ сархамро наҷот хоҳад дод;
30 Он касро низ, ки бегуноҳ набошад, раҳо хоҳад кард,
ва ба туфайли покии дастҳои ту вай раҳо хоҳад шуд»+.

## Ҷавоби ҳафтуми Айюб: ӯ муштоқи Худои Ҳай аст.

3 1 Ва Айюб ҷавоб гардонда, гуфт:
2 «Имрӯз низ шикваи ман талх аст,
чунки зарбаи дасти Ӯ аз оҳу воҳи ман сахттар аст.
3 Кошки медонистам, ки Ӯро аз куҷо ёбам,
то ки пеши тахти Ӯ биёям!
4 Даъвои худро ба ҳузури Ӯ пешниҳод менамудам,
ва даҳонамро аз далелҳо пур мекардам+.
5 Суханонеро, ки ба ҷавоби ман мегуфт, медонистам,
ва он чи ба ман мегуфт, мефаҳмидам.
6 Оё бо қуввати азими Худ бо ман ҷидол менамуд?
Не! Балки ба ман диққат медод.
7 Он гоҳ росткор ба Ӯ исбот мекард,
ва ман аз дасти Довари худ ба сурати абадӣ раҳоӣ меёфтам.
8 Инак, ба тарафи шарқ меравам, вале Ӯ ёфт намешавад,
ва ба тарафи ғарб, — вале Ӯро пайхас намекунам;
9 Ба тарафи шимол, вақте ки Ӯ ҳаракат мекунад, — Ӯро намебинам;
ба тарафи ҷануб, вақте ки Ӯ рӯ меоварад, — Ӯро мушоҳида
намекунам.
10 Зеро роҳеро, ки бар он истодаам, Ӯ медонад;
агар маро меозмуд, мисли тилло мебаромадам+.
11 Пои ман изи қадами Ӯро гирифта рафтааст:
тариқи Ӯро нигоҳ доштаам, ва аз он сар натофтаам.
12 Аз ҳукми лабҳои Ӯ дур нашудаам;
суханони даҳони Ӯро бештар аз ротибаи худ ниҳон доштаам.
13 Валекин Ӯ якраъй аст, ва кист, ки Ӯро баргардонад?
Ва он чи дили Ӯ хоҳад, ба ҷо меоварад+.
14 Ҳамин тавр Ӯ муқаддаротро дар ҳаққи ман анҷом медиҳад:
ва мисли ин назди Ӯ бисьёранд.
15 Бинобар ин аз хашми Ӯ ба ҳарос меафтам;
вақте ки мулоҳиза мекунам, аз Ӯ метарсам.
16 Худо дар дили ман ваҳм андохтааст,
ва Қодир маро ҳаросон кардааст,
17 Зеро ки на аз торикӣ кори ман тамом шудааст,
ва на аз дидори ман,

ки онро зулмот пӯшондааст.

## Давоми ҷавоби Айюб.

4 [1] Чаро аз ҷониби Қодир вақтҳо таъин карда нашудааст?
Ва чаро орифони Ӯ рӯзҳои Ӯро намебинанд?
[2] Марзаҳоро мекӯчонанд;
рамаро медузданд ва мечаронанд+.
[3] Хари ятимонро гирифта мебаранд;
наргови бевазанро ба гарав мегиранд.
[4] Бенавоёнро аз роҳ мегурезонанд:
мазлумони замин якҷоя пинҳон мешаванд+.
[5] Инак онҳо, мисли харони ваҳшӣ дар биёбон,
ба фаъолияти худ берун омада, хӯроки худро ҷустуҷӯ мекунанд:
дашт ба ҳар яке барои бачагонаш ризқу рӯзӣ мерасонад.
[6] Дар саҳро хӯшаҳои бо алаф омехтаро медараванд,
ва ангури дерпази токзори шарирро мечинанд.
[7] Бараҳна мехобанд, бе он ки либосе дошта бошанд,
ва дар сармо онҳоро рӯпӯше нест+.
[8] Аз бориши кӯҳсор тар мешаванд,
ва азбаски паноҳгоҳе надоранд, кӯҳпорaро қучоқ мекунанд.
[9] Ятимро аз пистон ҷудо карда мебаранд,
ва бачаи мискинро ба гарав мегиранд.
[10] Онҳоро водор мекунанд, ки бараҳна, бе либос роҳ раванд;
ва гуруснагон бандҳои гандумро мебардоранд;
[11] Дар миёни деворҳо равған мекашанд;
дар чархуштҳо ангур зер мекунанд, ва ташна мемонанд.
[12] Аз даруни шаҳр мардум фиғон мекашанд,
ва ҷони маҷрӯҳон истиғоса мебарад,
вале Худо инро мазаммат намекунад+.
[13] Инҳо аз ҷумлаи душманони рӯшноӣ мебошанд,
тариқҳои онро эътироф намекунанд,
ва дар роҳҳояш қадам намегузоранд:+
[14] Қотил пеш аз дамидани субҳ мехезад,
мискин ва бенаворо мекушад,
ва шабона бо дуздӣ машғул мешавад.
[15] Чашми зинокор низ мунтазири бегоҳирӯзист,
вай мегӯяд: „Чашми касе маро нахоҳад дид“,

— ва ба рӯяш ниқоб мепӯшад,+
16 Дар торикӣ ба хонаҳо нақб меканад.
Рӯзона худро пинҳон медоранд,
рӯшноиро намедонанд.
17 Зеро субҳ барои ҳамаашон зулмот аст,
чунки воҳимаҳои зулмотро мешиносанд.
18 Вай бар рӯи об сабук аст;
қисмати вай бар замин нафрин аст:
ба роҳи токзор дигар рӯ нахоҳад овард.
19 Чунон ки хушкӣ ва гармӣ оби барфро фурӯ мебарад,
ончунон дӯзах гуноҳкоронро.
20 Батн варо фаромӯш хоҳад кард;
кирм аз вай лаззат хоҳад бурд; вай дигар зикр нахоҳад ёфт;
ва ноинсофӣ мисли дарахт хоҳад шикаст+.
21 Вай ба зани бефарзанде ки назоидааст, ситам мекунад,
ва ба бевазан некӣ намекунад.
22 Вай баҳодуронро низ бо қуввати худ мағлуб менамояд;
вай бармехезад, ва ҳеҷ кас дар ҳаёти худ эмин нест.
23 Ба вай Ӯ амният мебахшад, ва бар он вай такья мекунад;
ва чашмони Ӯ бар роҳҳои онҳост.
24 Ба пояи аъло мерасанд, — ва ба як тарфатулъайн нест мешаванд;
ва ба залолат афтода, мисли ҳама пажмурда мегарданд,
ва мисли сари хӯша бурида мешаванд+.
25 Ва агар чунин набошад, кист, ки тавонад маро такзиб кунад,
ва сухани маро ҳеҷу пуч гардонад?»

## Нутқи сеюми Билдод: инсон ба ҳузури Худо чист?

5 [1] Ва Билдоди Шуҳӣ ҷавоб гардонда, гуфт:+
[2] «Ҳукмронӣ ва тарс дар Ӯст;
дар афрозҳои Худ осоиштагӣ ба вуҷуд меоварад.
[3] Оё фавҷҳои Ӯ сону шумор доранд?
Ва кист, ки нури Ӯ бар вай тулӯъ намекарда бошад+?
[4] Вале инсон чӣ гуна ба ҳузури Худо одил шавад?
Ва зодаи зан чӣ гуна пок бошад+?
[5] Инак, ҳатто моҳ чандон рӯшноӣ намедиҳад,
ва ситорагон дар назари Ӯ пок нестанд,
[6] Алалхусус инсон, ки мисли кирм аст,
ва писари одам, ки мисли митта аст»+.

## Ҷавоби ҳаштуми Айюб: нутқи Билдод метавонад касро ба ноумедӣ дучор созад,

## лекин Айюб ба Худо имон меоварад.

6

1 Ва Айюб ҷавоб гардонда, гуфт:
2 «Чӣ гуна ту ба беқуввате мадад расондӣ,
ва бозуи бемаҷолеро раҳо кардӣ!
3 Чӣ гуна ту ба беҳикмате машварат додӣ,
ва ҳақиқати ҳолро ба хубӣ фаҳмондӣ!
4 Барои кӣ ин суханонро гуфтӣ?
Ва рӯҳи кист, ки аз ту берун омад?
5 Арвоҳи мурдагон дар зери об,
ва сокинони он ба ларза меоянд.
6 Дӯзах пеши назари Ӯ бараҳна аст,
ва барои асфалуссофилин рӯпӯше нест+.
7 Шимолро бар хало мегустаронад,
заминро бар нестӣ меовезад+.
8 Обро дар абрҳои Худ банд мекунад,
ва ҳеҷ саҳобе зери он намекафад+.
9 Рӯи тахти Худро мепӯшонад,
абри Худро бар он паҳн мекунад.
10 Хате бар рӯи об мекашад,
то ба ҳадди рӯшноӣ ва торикӣ+.
11 Сутунҳои осмон ба ларза меояд,
ва аз итоби Ӯ ба даҳшат меафтад+.
12 Бо қуввати Худ баҳрро ба шӯр меоварад,
ва бо хиради Худ раҳабро захмдор мекунад+.
13 Аз рӯҳи Ӯ осмон шукӯҳ ёфтааст;
дасти Ӯ аждари болдорро нобуд кардааст+.
14 Инак, инҳо ҳиссаест аз роҳҳои Ӯ;
ва чӣ сухани андаке дар ҳаққи Ӯ шунидаем!
Вале раъди қудрати Ӯро кист, ки тавонад пай барад?»

## Давоми ҷавоби Айюб.

7 1 Ва Айюб нутқи худро давом дода, гуфт:
2 «Қасам ба ҳаёти Худо, ки Ӯ маро аз адлу инсоф маҳрум намудааст,
ва ба ҳаёти Қодир, ки ҷони маро талх кардааст,+
3 Ки то даме ки ҷони ман дар тани ман аст,
ва нафаси Худо дар димоғи ман аст,+
4 Лабҳоям ноинсофона сухан нахоҳад ронд,
ва забонам дурӯғ нахоҳад гуфт!
5 Ҳошо, ки ман шуморо ҳақ шуморам:
то дами мурданам нахоҳам гузошт, ки беайбии маро аз ман дур кунед.
6 Адли худро маҳкам нигоҳ доштаам, ва онро тарк нахоҳам кард;
дили ман аз аввали ҳастиам маро мазаммат накардааст.
7 Душмани ман мисли шарир хоҳад буд,
ва мухолифи ман мисли ноинсоф.
8 Зеро риёкор чӣ умеде дорад, вақте ки Худо ӯро маҳв мекунад,
вақте ки ҷони ӯро мегирад+?
9 Оё Худо фарьёди ӯро хоҳад шунид,
вақте ки мусибате ба сари ӯ ояд+?
10 Оё ӯ аз Қодир шодкомӣ хоҳад ёфт,
ва ҳар вақт Худоро хоҳад хонд?
11 Он чиро, ки дар дасти Худост, ба шумо таълим хоҳам дод;
он чиро, ки аз ҷониби Қодир аст, ниҳон нахоҳам кард.
12 Инак, шумо ҳамаатон инро дидаед;
ва чаро чунин суханони хушкухолӣ мегӯед?
13 Чунин аст насибаи одами шарир аз ҷониби Худо,
ва меросе ки золимон аз Қодир пайдо мекунанд+.
14 Агар фарзандони ӯ бисьёр шаванд, тӯъмаи шамшер хоҳанд шуд;
ва авлоди ӯ аз нон сер нахоҳанд шуд+.
15 Бақияи онҳо аз вафот дар гӯр хоҳанд шуд;
ва занони беваашон гирья нахоҳанд кард+.
16 Агар ӯ нуқраро мисли хок ҷамъ оварад,
ва либосро мисли гил тайёр кунад, —+
17 Ӯ тайёр мекунад, вале онро одил хоҳад пӯшид,

ва нуқраро бегуноҳ мерос хоҳад гирифт+.
18 Хонаи худро ӯ мисли куя бино мекунад,
ва мисли соябоне ки нигаҳбон месозад+.
19 Ба сифати сарватдор хоб меравад, вале дигар чунин нахоҳад буд:
чашмони худро мекушояд, — ва сарваташ нест шудааст+.
20 Даҳшатҳо мисли об ӯро фаро мегирад;
шабона ӯро тундбод мерабояд.
21 Боди шарқӣ мебардорад, ва меравад;
ва ӯро аз маконаш лесида мебарад+.
22 Ва бар ӯ тир меандозад, ва дареғ намедорад,
агарчи ӯ зӯр мезанад, ки аз дасти он бигрезад.
23 Дар ҳаққи ӯ даст бар ҳам месояд,
ва аз маконаш ба ҳоли ӯ ҳуштак мекашад+.

## Давоми ҷавоби Айюб.

8 [1] Ба яқин, нуқра маъдане дорад,
ва тилло маконе ки мегудозанд.
[2] Оҳан аз хок гирифта мешавад,
ва мис аз санг гудохта мешавад.
[3] Одам ба торикӣ хотима медиҳад,
ва то ниҳояти дараҷа сангҳоро дар торикӣ
ва зулмот тафтиш мекунад.
[4] Ғоре ба зери макони аҳолинишин мекананд,
аз хотири пиёдагардҳои рӯи замин фаромӯш мешаванд,
ва дур аз мардум овезон гардида,
ба ҳар сӯ ҳаракат мекунанд.
[5] Замине ки аз сатҳаш нон мерӯяд, андарунаш,
мисли он ки аз оташ бошад, чаппагардон шудааст.
[6] Сангҳояш макони ёқути кабуд аст,
ва тиллои хока дорад.
[7] Роҳи онро бози шикорӣ намедонад,
ва чашми уқоб онро надидааст.
[8] Даррандагон бар он қадам нагузоштаанд,
ва арсалон бар он гузар накардааст.
[9] Ба сангх хоро дасти худро дароз мекунад,
кӯҳҳоро аз буньёдашон чаппа мегардонад.
[10] Дар кӯҳпораҳо ҷӯйҳо меканад,
ва чашмаш ҳар чизи гаронбаҳоро мебинад.
[11] Наҳрҳоро аз таровиш мебандад,
ва чизи ниҳонро ба рӯшноӣ мебарорад.
[12] Валекин ҳикмат аз куҷо ёфт мешавад?
Ва макони хирад куҷост+?
[13] Инсон қадри онро намедонад,
ва он дар замини зиндагон ёфт намешавад+.
[14] Варта мегӯяд: „Он дар ман нест“;
ва баҳр мегӯяд: „Назди ман нест“;
[15] Зари холис дар ивази он дода намешавад,
ва нуқра ба баҳои он баркашида намешавад+.
[16] Ба он на бо зари сурхи Ӯфир қимат дода мешавад,

на бо ҷазъи гаронбаҳо ва ёқути кабуд+.
17 Тилло ва оина ба он баробар нест,
ва зевари зари холис наметавонад онро иваз намояд.
18 Марҷон ва булӯр зикр намеёбад,
ва пайдо кардани ҳикмат аз ҷавоҳир душвортар аст+.
19 Ёқути зарди ҳабаш ба он баробар нест;
ба он бо зари сурхи покиза баҳо дода намешавад.
20 Валекин ҳикмат аз куҷо меояд?
Ва макони хирад куҷост?
21 Ва ҳол он ки он аз чашми тамоми махлуқот пинҳон аст,
ва аз мурғони ҳаво нуҳуфта аст.
22 Асфалуссофилин ва марг мегӯянд:
„Овозаи онро бо гӯши худ шунидаем“.
23 Худо роҳи онро медонад,
ва Ӯ аз макони он хабардор аст,
24 Зеро ки Ӯ то ба ақсои замин назар мекунад,
ва он чиро, ки зери тамоми осмон аст, мебинад.
25 Ҳангоме ки Ӯ вазне барои бод муқаррар намуд,
ва обҳоро бо мизоне ҷойгир кард,
26 Ва ҳангоме ки низоме барои борон қарор дод,
ва роҳе барои барқи тундарҳо, —+
27 Он гоҳ онро дид ва онро дар шумор овард,
онро муҳайё кард,
ва онро низ тафтиш намуд,+
28 Ва ба одамизод гуфт: „Инак, тарси Худованд ҳикмат аст,
ва аз бадӣ дур шудан хирад аст“»+.

## Давоми ҷавоби Айюб.

## Ӯ ба айбдоркунии бардурӯғи Алифоз зрод мегирад.

**9** 1 Ва Айюб нутқи худро давом дода, гуфт:
2 «Кошки ман мисли моҳҳои пеш мебудам,
мисли рӯзҳое ки Худо маро нигоҳ медошт,
3 Вақте ки чароғи Ӯ бар сари ман нур мепошид,
ва ман бо рӯшноии он дар торикӣ роҳ мерафтам;+
4 Мисли он ки дар рӯзҳои ҷавонии худ будам,
вақте ки дӯстии Худо бар хаймаи ман буд,
5 Вақте ки Қодир ҳанӯз бо ман буд,
ва фарзандонам дар гирду пеши ман буданд,+
6 Вақте ки пойҳои ман бо қаймоқ шуста мешуд,
ва кӯҳпора барои ман ҷӯйбори равған мерехт!+
7 Ҳангоме ки ман ба дарвозаи шаҳр мебаромадам,
ва нишастгоҳи худро дар майдон муҳайё менамудам, —
8 Ҷавонон маро дида, пинҳон мешуданд,
ва пирон бархоста, рост меистоданд;
9 Мирон аз суханронӣ худдорӣ мекарданд,
ва даст ба даҳони худ мемонданд;
10 Овози сарварон хомӯш мешуд,
ва забонашон ба комашон мечаспид+.
11 Гӯше ки овозаи маро мешунид, маро сазовори хушбахтӣ медонист;
ва чашме ки рафтори маро медид, ба адолати ман шаҳодат медод,
12 Зеро мазлумеро, ки истиғоса мебурд,
ва ятимеро, ки мададгор надошт, раҳо мекардам;+
13 Баракати шахсе ки гирифтори ҳалокат буд, ба ман мерасид,
ва дили бевазанро ман шод менамудам.
14 Ҷомаи адлро мепӯшидам, ва он ба воситаи ман ҷомаи амал мепӯшид:
доварии ман мисли ридо ва дастор буд+.
15 Ман барои кӯр чашм будам
ва барои ланг — пой;
16 Барои мискинон ман падар будам,
ва даъвои ношиносро тафтиш менамудам,+

17 Ва дандонҳои осиёи шахси ноинсофро мешикастам,
ва нахчирро аз дандонҳояш меафтондам+.
18 Ва дар дили худ мегуфтам: „Дар лонаи худ хоҳам мурд,
пас аз он ки рӯзҳоям мисли рег сершумор гардад;
19 Решаи ман сӯи об паҳн хоҳад шуд,
ва бар шоху баргҳои ман шабнам қарор хоҳад гирифт;
20 Ҷалоли ман ҳамеша дар ман тоза хоҳад буд,
ва камони ман дар дастам қувват хоҳад ёфт“.
21 Маро мешуниданд ва интизор мешуданд,
ва барои машварати ман хомӯш мемонданд.
22 Баъд аз сухани ман чизе намегуфтанд,
ва каломи ман бар онҳо мечакид:
23 Ба ман мисли бороне интизорӣ доштанд,
ва даҳони худро барои борони охирин мекушоданд+.
24 Вақте ки ба онҳо табассум менамудам, бовариашон намеомад;
ва нури рӯи ман онҳоро хушнӯд мекард.
25 Роҳи онҳоро интихоб менамудам ва дар садри маҷлис менишастам,
ва дар миёни фавҷ мисли подшоҳе сокин будам,
ва мисли шахсе ки азодоронро тасаллӣ медиҳад.

## Давоми ҷавоби Айюб.

0

1 Ва алҳол ба ҳоли ман касоне механданд,
ки синнашон аз синни ман камтар аст,
ва ман розӣ намешудам ба он ки падарони онҳоро бо сагони рамаи
худ бимонам+.
2 Қувваи бозувони онҳо низ ба ман чӣ лозим буд?
Тароваташон нест шуда буд.
3 Аз муҳтоҷӣ ва гуруснагӣ бемадор шуда,
ба чӯли тираи хушку холо мегурехтанд,
4 Шӯргиёҳ ва баргҳои буттаҳоро мечиданд,
ва решаҳои ратам* хӯроки онҳо буд.
5 Аз байни ҷамоат бадар ронда мешуданд,
ба сари онҳо мисли дуздон дод мегуфтанд.
6 Дар дараҳои рӯдҳо маскан мегирифтанд,
дар ғорҳои замин ва сахраҳо.
7 Дар миёни буттаҳо оху фиғон мекарданд,
зери хорзор паноҳ меёфтанд.
8 Ин мардуми нобакор, ин мардуми гумном низ,
ба ин сабаб аз замин рад шудаанд!
9 Валекин алҳол ман суруди таҳқиромези онҳо гардидаам,
ва барояшон калимаи тамасхур шудаам+.
10 Онҳо аз ман нафрат доранд, аз ман дур мешаванд,
ва аз туф кардан бар рӯи ман худдорӣ намекунанд+.
11 Зеро ки Ӯ зеҳи камони маро кушода, маро
зеру забар кардааст,
ва онҳо лаҷоми худро ба хузури ман сар додаанд.
12 Аз тарафи рост издиҳоми бачагон бархоста,
пойҳоямро ба танг меоваранд,
ва роҳҳои ҳалокатовари худро бар ман равона мекунанд+.
13 Роҳи маро вайрон карда,
фалокати маро афзун менамоянд,
дар сурате ки монеае бароящон нест.
14 Мисли он ки аз рахнаи фарохе бошад, сӯи ман меоянд,
ба сони тундбод ҳуҷум меоваранд.
15 Даҳшатҳо маро фаро гирифта,

мисли боде ҳиммати маро таъқиб мекунад,
ва комьёбии ман мисли абре гузашта рафтааст+.
[16] Ва алҳол ҷонам андаруни ман ба ҳаяҷон меояд:
рӯзҳои уқубат маро дар бар гирифтааст.
[17] Шаб устухонҳоямро шикофта, аз ҳам ҷудо мекунад,
ва рагҳоям ором надорад.
[18] Бо қуввати азими Ӯ либосам тағьир ёфтааст,
ва он маро мисли гиребони куртаам зер мекунад.
[19] Маро Ӯ дар гил андохтааст,
ва ман монанди хок ва хокистар шудаам.
[20] Сӯи Ту истиғоса мебарам, ва иҷобат намекунӣ;
ба дуо меистам, фақат бар ман назар меандозӣ.
[21] Нисбат ба ман бераҳм гардидаӣ,
бо қудрати дасти Худ ба ман кина меварзӣ.
[22] Маро бо бод бардошта, бар он савор кардӣ,
ва маро бо тундбоде вожгун менамоӣ+.
[23] Медонам, ки Ту маро ба марг хоҳӣ расонид,
ва ба хонае ки барои ҷамъ омадани ҳамаи зиндаҳост.
[24] Ба яқин ба хоктӯдае даст дароз нахоҳад кард,
вақте ки кас дар мусибати худ фақат аз ин хусус истиғоса мебарад.
[25] Оё ман ба ҳоли каси бадрӯзе гирья намекардам?
Оё ҷонам аз қисмати мискин ғамгин намешуд?
[26] Ҳангоме ки ба некӣ умед мебастам, бадӣ омад,
ва ҳангоме ки ба нур интизорӣ доштам, торикӣ фаро расид+.
[27] Амъоям ба ҷӯш меояд ва ором намеёбад;
рӯзҳои мусибат маро истиқбол намудааст.
[28] Тирарӯй шуда мегардам, вале на аз офтоб;
дар миёни ҷамоат бархоста, истиғоса мебарам.
[29] Бародари шағолон шудаам,
ва ёри шутурмурғон.
[30] Пӯстам сиёҳ шуда, аз танам фурӯ мерезад,
ва устухонам аз ҳарорати баданам сӯхта хушк шудааст+.
[31] Барбати ман ба сӯгдорӣ табдил ёфтааст,
ва наи ман ба садои гирьяндагон.

## Давоми ҷавоби Айюб.

1 1 Бо чашмони худ аҳд бастаам,
ки ба дӯшиза назар наандозам+.
2 Пас қисмати ман аз ҷониби Худо аз улув чӣ гуна аст?
Ва мероси ман аз ҷониби Қодир аз афроз+?
3 Ҳалокат, охир, барои ноинсоф аст,
ва мусибат барои бадкирдорон.
4 Ӯ, охир, роҳҳои маро мебинад,
ва ҳамаи қадамҳоямро дар шумор меоварад+.
5 Агар бо роҳи ботил рафта бошам,
ва пои ман сӯи макр шитофта бошад, —
6 Бигзор маро Худо бо тарозуи адл бисанҷад,
ва беайбии маро бидонад+.
7 Агар қадами ман аз роҳ баромада бошад,
ва дили ман аз паи чашмонам рафта бошад,
ва лаккае ба дастҳоям часпида бошад, —
8 Бигзор ман кишт кунам, ва дигаре бихӯрад,
ва ҳосилоти ман решакан гардад+.
9 Агар дили ман ба зане фирефта шуда бошад,
ва назди дари ёри худ камин гирифта бошам, —+
10 Бигзор зани ман барои дигаре ос кунад,
ва дигарон ба вай ҳамбистар шаванд+.
11 Чунки ин фисқу фуҷур аст,
ва гуноҳи мансуб ба дорулқазост,
12 Зеро ин оташ аст, ки то ба ҳадди асфалуссофилин хоҳад хӯрд
ва тамоми маҳсулоти маро решакан хоҳад кард+.
13 Агар ба даъвои ғулом ва канизи худ беэътиноӣ карда бошам,
ҳангоме ки онҳо аз ман дод мехостанд, —
14 Пас, вақте ки Худо бархезад, чӣ кор хоҳам кард?
Ва ҳангоме ки тафаққуд намояд, ба Ӯ чӣ ҷавоб хоҳам дод?
15 Охир, Ӯ ки маро дар батн офардидааст, варо низ офаридааст,
ва ҳар дуро Ягона дар раҳим ба вуҷуд овардааст+.
16 Агар аз иҷрои талаби бенавоён даст кашида бошам,
ва чашмони бевазанро аз интизорӣ хаста карда бошам,
17 Ва луқмаи нони худро ба танҳоӣ хӯрда бошам,

ва ятиме аз он нахӯрда бошад,+
18 Дар сурате ки аз бачагиам ӯ бо ман, ҷун бо падар, калон шудааст,
ва аз батни модарам бевазанро ҳидоят намудаам;+
19 Агар касеро дида бошам, ки бе либос нобуд мешавад,
ва мискинеро, ки пӯшок надорад;
20 Агар андомҳои ӯ маро баракат надода бошад,
ва аз пашми гӯсфандони ман гарм нашуда бошад;+
21 Агар дасти худро бар ятиме боло карда бошам,
вақте ки назди дарвоза барои худ мадад медидам, —+
22 Бигзор бозуи ман аз китфам ҷудо шуда афтад,
ва соиди ман аз оринҷам бишканад,
23 Зеро ки ҳалокат аз ҷониби Худо барои ман тарсовар буд,
ва пеши кибриёи Ӯ нотавон будам.
24 Агар тиллоро умеди худ дониста бошам,
ва ба зари холис гуфта бошам: „Ту пушту паноҳи ман ҳастӣ“;+
25 Агар шодӣ карда бошам аз он ки дороии ман фаровон аст,
ва дастам сарвати бузурге пайдо кардааст;+
26 Агар бар офтоб назар андохта бошам, вақте ки тулӯъ менамуд,
ва бар моҳ, вақте ки бо камоли дурахшонӣ гардиш мекард,
27 Ва дили ман ба таври ниҳонӣ фирефта шуда,
даҳони ман дастамро бӯсида бошад,+
28 Ки ин низ гуноҳи мансуб ба дорулқазост,
зеро ки Худои Таолоро инкор менамудам;
29 Агар аз мусибати душмани худ шодӣ карда бошам,
ва аз ин ки вай бадӣ ёфтааст, ба ваҷд омада бошам, —+
30 Ва ҳол он ки даҳони худро аз хато кардан нигоҳ дошта,
бар ҷони вай лаънат нахостаам;+
31 Агар аҳли хаймаи ман нагуфта бошад:
„Кист, ки аз гӯшти вай сер нашудааст!“ —
32 Дар сурате ки ғарибе шабро дар кӯча намегузаронд:
дарҳои худро барои роҳгузар мекушодам;+
33 Агар ҷиноятҳои худро ҳамчун одамизод рӯпӯш карда,
гуноҳи худро дар синаи худ пинҳон дошта бошам, —+
34 Зеро ки аз ҷамоат бағоят ҳаросон мешудам,
ва нафрати қабилаҳо маро дар даҳшат меандохт,
ва ман хомӯш монда, аз дари худ берун намерафтам.

35 Кошки касе маро мешунид!
Инак имзои ман!
Бигзор Қодир ба ман ҷавоб диҳад!
Кошки Даъвогари ман айбномае менавишт!+
36 Ба яқин онро бар китфи худ бардошта мегаштам,
мисли афсаре бар сари худ мениҳодам,
37 Шумораи қадамҳои худро ба Ӯ мегуфтам,
мисли мире ба Ӯ наздик мешудам.
38 Агар замини ман аз дасти ман доду фарьёд бардошта,
ҷӯякҳои он якҷоя гириста бошад;
39 Агар қуввати онро хӯрда бошам, бе он ки қиматашро адо кунам;
ва агар ҷони соҳибони онро ба танг оварда бошам, —
40 Бигзор хорҳо ба ҷои гандум
ва явшон ба ҷои ҷав бирӯяд».

Суханони Айюб хотима ёфт+.

## Айюб ва Элиҳу; нутқи Элиҳу.

**32** [1] Ва он се шахс аз ҷавоб гардондан ба Айюб бозмонданд,
чунки ӯ дар назари худ одил буд.
[2] Ва хашми Элиҳу ибни Баракъили Бузӣ, ки аз қабилаи Ром буд, ба
ҷӯш омад: хашми вай бар Айюб аз он сабаб ҷӯш зад, ки ӯ худро
бештар аз Худо одил мешумурд;+
[3] Ва хашми вай бар се дӯсти ӯ аз он сабаб ҷӯш зад, ки онҳо
натавонистанд ҷавобе ёфта, айби Айюбро исбот намоянд.
[4] Ва Элиҳу ба суханронӣ бо Айюб сабр карда буд, зеро ки онҳо дар
синну сол аз вай калонтар буданд+.
[5] Вале чун Элиҳу дид, ки ба даҳони он се шахс ҷавобе нест,
хашмаш ба ҷӯш омад.
[6] Ва Элиҳу ибни Баракъили Бузӣ ба сухан оғоз намуда, гуфт:
«Ман дар синну сол ҷавон ҳастам, ва шумо — мӯйсафед,
бинобар ин тарсида, ҷуръат накардам, ки фикри худро ба шумо
изҳор намоям.
[7] Дар дили худ гуфтам: „Бигзор синни зиёд сухан ронад,
ва фаровонии солҳо ҳикмат омӯзад“+.
[8] Аммо дар банӣ-одам рӯҳе ҳаст,
ва нафаси Қодир ба онҳо хирад мебахшад+.
[9] На калонсолҳо соҳиби ҳикматанд,
ва на пирҳо адлро мефаҳманд.
[10] Бинобар ин мегӯям: „Маро бишнавед;
ман низ фикри худро баён хоҳам кард“.
[11] Инак, ба суханронии шумо интизорӣ кашидам,
барои шунидани мулоҳизаҳои шумо гӯш ниҳодам,
то даме ки суханонро месанҷидед.
[12] Ва ман ба шумо бо умед назар дӯхтам,
ва инак, аз байни шумо касе нест, ки Айюбро мазаммат намояд,
бо суханони худ ба ӯ ҷавоб гардонад.
[13] Мабодо бигӯед:
„Ҳикматро дарьёфтаем:
Худо ӯро мулзам хоҳад кард, на одамизод“.
[14] Ӯ бо суханонаш ба ман рӯ наовардааст,
ва ман бо нутқҳои шумо ба ӯ ҷавоб нахоҳам гардонд.

15 Ҳаросон шуда, дигар ҷавоб намегардонанд:
сухан аз онҳо дур шудааст.
16 Ва ман интизорӣ кашида дидам, ки сухан намеронанд:
бозистода, дигар ҷавоб намегардонанд.
17 Пас, ман низ аз ҷониби худ ҷавоб хоҳам гардонд:
ман низ фикри худро баён хоҳам кард.
18 Зеро ки ман аз суханон пур ҳастам;
рӯҳе ки дар ботини ман аст, маро фишор медиҳад.
19 Инак, ботини ман мисли шароби нокушода мебошад,
мисли машкҳои наве ки ба кафидан наздик аст.
20 Сухан хоҳам ронд, то сабук шавам;
лабҳои худро кушода, ҷавоб хоҳам гардонд+.
21 Ба касе рӯйбинӣ нахоҳам кард,
ва ба одаме тамаллуқ нахоҳам гуфт.
22 Зеро ки агар тамаллуқгӯӣ аз дастам биёяд,
Офаридагорам зуд маро аз миён хоҳад бардошт.

## Давоми нутқи Элиҳу.

3 [1] Ва акнун, эй Айюб, суханони маро бишнав
ва ба ҳамаи гуфтаҳоям гӯш андоз.
[2] Инак, лабҳои худро кушодам:
забонам дар даҳонам сухан меронад.
[3] Суханонам ифодаи дили софи ман аст,
ва лабҳоям дониши холисро баён мекунад.
[4] Рӯҳи Худо маро ба вуҷуд овардааст,
ва нафаси Қодир ба ман ҳаёт бахшидааст+.
[5] Агар тавонӣ, ба ман ҷавоб гардон:
пеши ман ба мунозира ҳозир шав.
[6] Инак, ман нисбат ба Худо мисли ту ҳастам:
ман низ аз гил сиришта шудаам+.
[7] Инак, бими ман туро дар даҳшат нахоҳад андохт,
ва фишори ман бар ту гарон нахоҳад омад+.
[8] Ба яқин, ту дар гӯши ман сухан рондӣ,
ва ман садои каломатро шунидам:
[9] „Ман пок ҳастам ва бе маъсият;
ман айбе надорам, ва гуноҳе дар ман нест;+
[10] Инак, Ӯ баҳонаҳо бар ман меҷӯяд,
маро душмани Худ ҳисоб мекунад,+
[11] Пойҳоямро дар ишкел меандозад,
ҳамаи роҳҳои маро мепояд“+.
[12] Ана дар ҳамин хусус ба ту ҷавоб мегардонам, ки ҳақ ба ҷониби ту нест,
чунки Худо аз инсон бузургтар аст.
[13] Чаро ба Ӯ даъво мекунӣ,
ки аз тамоми аъмоли Худ ҳисобот намедиҳад+?
[14] Зеро ки Худо ба як тарз сухан меронад,
ва ба тарзи дуюм, агар ба он суханаш сарфаҳм нараванд:
[15] Дар хоб, дар рӯъёи шаб,
вақте ки одамонро хоб зер мекунад;
вақте ки бар бистар ғанабашон мебарад+.
[16] Он гоҳ Ӯ гӯши одамонро мекушояд ва панд дода,
бар онҳо асаре мегузорад,+

17 То ки одамизодро аз амали бад дур кунад,
ва ғурурро аз мард пинҳон дорад.
18 Ҷони варо Ӯ аз гӯр маҳфуз медорад,
ва ҳаёти варо аз нобуд шудан ба дами шамшер.
19 Ё ки вай болои бистари худ аз дарде азият мекашад,
ва изтироби устухонҳояш пурзӯр аст,+
20 Ва ҳаёти вай аз нон нафрат дорад,
ва ҷони вай аз хӯроки лазиз+.
21 Ҷисми вай барбод меравад, ба тавре ки дида намешавад,
ва устухонҳояш, ки ноаён буд, барҷаста мебарояд.
22 Ва ҷони вай ба гӯр наздик мешавад,
ва ҳаёташ ба малакулмавт.
23 Агар барои вай фариштае,
як ҳимоятгаре аз байни ҳазор бошад,
то ки росткории одамро баён намояд, —+
24 Дар он сурат Ӯ ба вай раҳм карда, ба он фаришта хоҳад гуфт:
„Варо аз фурӯд омадан ба гӯр раҳо намо;
Ман кафорате пайдо кардаам“+.
25 Ҷисми вай бештар аз ҷавониаш тароват хоҳад гирифт:
вай ба айёми наврасии худ хоҳад баргашт+.
26 Ба ҳузури Худо дуо хоҳад гуфт, ва он мустаҷоб хоҳад шуд,
ва рӯи Ӯро бо шодӣ хоҳад дид,
ва Ӯ ба инсон адолати варо хоҳад баргардонид+.
27 Вай ба мардум рӯ оварда, хоҳад гуфт:
„Гуноҳ кардам ва роҳи ростро каҷ кардам,
ва сазои ман дода нашуд;
28 Ҷони маро аз фурӯд омадан ба гӯр Ӯ раҳо намуд,
ва ҳаёти ман аз нур баҳра мебарад“+.
29 Инак, ҳамаи ин чизҳоро Худо бо мард ду-се дафъа ба амал меоварад,
30 То ки ҷони варо аз гӯр баргардонад
ва бо нури ҳаёт мунаввар созад+.
31 Диққат намо, эй Айюб, маро бишнав;
хомӯш нишин, ва ман сухан хоҳам ронд.
32 Агар сухане дошта бошӣ, ба ман ҷавоб гардон;
бигӯ, зеро мехоҳам, ки адолати худро исбот намоӣ.

33 Вагар на, ту маро бишнав;
хомӯш бош, ва ман ҳикматро ба ту таълим хоҳам дод».

## Давоми нутқи Элиҳу.

4 [1] Ва Элиҳу суханашро давом дода, гуфт:
[2] «Эй хирадмандон, суханони маро бишнавед;
ва эй донишмандон, ба ман гӯш андозед.
[3] Зеро ки гӯш суханонро месанҷад,
чунон ки ком таъми хӯрокро фарқ мекунад+.
[4] Биёед, барои худ адлу инсофро интихоб кунем,
дар миёни худ бифаҳмем, ки чизи накӯ чист?
[5] Зеро ки Айюб гуфт: „Ҳақ ба ҷониби ман аст,
вале Худо маро аз адлу инсоф маҳрум намудааст;+
[6] Гарчанде ки адлу инсоф бо ман аст, каззоб ҳисоб ёфтаам;
гарчанде ки ҷинояте накардаам, дарди ман бедавост“.
[7] Он мард кист, ки мисли Айюб
тамасхурро мисли об бинӯшад,+
[8] Бо бадкирдорон ҳамроҳ шавад
ва бо мардуми шароратпеша қадамгузор бошад+?
[9] Зеро ки ӯ гуфт: „Барои одам фоидае нест
аз он ки иродаи Худоро ба ҷо оварад“+.
[10] Бинобар ин, эй соҳибдилон, маро бишнавед:
калло ва ҳошо, ки аз Худо шарорате сар барзанад,
ва аз Қодир ноинсофие+.
[11] Зеро ки Ӯ музди одамро аз рӯи амали вай адо мекунад,
ва мувофиқи роҳи ҳар кас ба вай подош медиҳад+.
[12] Дар ҳақиқат, Худо шароратро пеша намекунад,
ва Қодир адлу инсофро таҳриф наменамояд+.
[13] Кист, ки Ӯро ҳокими замин таъин карда бошад?
Ва кист, ки тамоми дуньёро ба дасти Ӯ супурда бошад?
[14] Агар Ӯ дили Худро сӯи Худ нигаронида,
рӯҳи Худ ва нафаси Худро назди Худ фароҳам оварад, —
[15] Тамоми башар якбора нест хоҳад шуд,
ва одамизод ба хок хоҳад баргашт+.
[16] Пас, агар хирад дорӣ, инро бишнав,
ба садои суханонам гӯш андоз.
[17] Оё бадхоҳи адлу инсоф метавонад салтанат ронад?
Ва оё ту Одили Кабирро ба шарорат айбдор мекунӣ?

18 Оё ба подшоҳ гуфтан мумкин аст, ки „сафил ҳастӣ“;
ё ба яке аз наҷибон, ки „шарир ҳастӣ“?
19 Ва ҳол он ки Ӯ ба мирон рӯйбинӣ намекунад,
ва сарватдорро аз бенаво афзал намедонад,
чунки ҳамаашон амали дастҳои Ӯ ҳастанд+.
20 Онҳо дар як он мемиранд, ва нисфи шаб қавм ба шӯр омада,
ба ҳуҷум мегузаранд, ва зӯроваронро нест мекунанд,
бе он ки ба онҳо даст расонанд+.
21 Зеро ки чашмони Ӯ бар роҳҳои кас аст,
ва ҳамаи қадамҳои варо мебинад+.
22 На торикӣ ҳаст ва на зулмот,
ки бадкирдорон дар он ҷо тавонанд пинҳон шаванд+.
23 Зеро боз ба зиммаи кас намегузорад,
ки назди Худо ба мурофиа биёяд.
24 Зӯроваронро, бе он ки тафтиш намояд, шикаст медиҳад,
ва дигаронро ба ҷои онҳо мемонад+.
25 Чунки кирдорҳошонро медонад,
ва дар як шаб онҳоро вожгун мекунад,
ва онҳо маҳв мешаванд.
26 Онҳоро барои шарораташон
пеши назари ҳама зарба мезанад,
27 Чунки онҳо аз пайравии Ӯ дур шудаанд
ва ҳамаи роҳҳои Ӯро нафаҳмидаанд
28 Ва боиси он гардидаанд, ки фарьёди бенавоён ба Ӯ расидааст,
ва Ӯ фиғони мазлумонро шунидааст+.
29 Агар ӯ сокит карда бошад, кист, ки тавонад зътироз намояд?
Ва агар Ӯ рӯи Худро пӯшида бошад, кист, ки тавонад ба Ӯ назар
андозад?
Ин хоҳ нисбат ба халқе ва хоҳ нисбат ба одаме баробар аст.
30 Ӯ риёкорро аз подшоҳӣ маҳрум мекунад,
то касоне ки қавмро ба дом меоваранд, салтанат наронанд.
31 Оё мумкин аст, ки одам ба Худо бигӯяд:
„Ҷазо дидаам, бе он ки бадкирдорие карда бошам;
32 Он чиро, ки намебинам, Ту ба ман бифаҳмон,
ва агар гуноҳе карда бошам,
дигар нахоҳам кард“?

33 Оё мукофоти амал фақат ба ҳасби фикри ту бояд дода шавад, ки
чунин гиламанд ҳастӣ?
Оё онро фақат ту бояд интихоб намоӣ, ва на ман?
Ва дар ин хусус ту чӣ медонӣ, ки бигӯӣ?
34 Соҳибони фаҳм хоҳанд гуфт,
ва ҳар марди бохирад низ, ки маро мешунавад:
35 „Айюб на аз рӯи дониш сухан меронад,
ва суханонаш ба хирад мувофиқ нест“+.
36 Орзумандам, ки Айюб то ба охир озмуда шавад,
барои он ки мисли хабисон ҷавоб мегардонад,
37 Зеро ки бар хатои худ ҷиноятро зам мекунад,
дар миёни мо даст бар ҳам месояд
ва бар зидди Худо бисьёр сухан меронад»+.

## Давоми нутқи Элиҳу.

5 [1] Ва Элиҳу суханашро давом дода, гуфт:
[2] «Оё инро адлу инсоф ҳисоб мекунӣ,
ки гуфтаӣ: „Ман аз Худо одилтарам“?
[3] Зеро ки гуфтаӣ: „Адолатам барои Ту чӣ фоидае хоҳад дошт?
Ва ман чӣ нафъе хоҳам бурд, ки он агар аз гуноҳам бештар бошад?“+
[4] Ман ба ту ҷавоб мегардонам,
ва ба ёронат бо ту:
[5] Ба осмон назар андоз ва бубин,
ва бар фалак бингар, ки аз ту баландтар аст+.
[6] Агар хатое карда бошӣ, ба Ӯ чӣ метавонӣ бикунӣ?
Ва агар ҷиноятҳоят афзуда бошад, ба Ӯ чӣ зиёне метавонӣ бирасонӣ?
[7] Агар одил бошӣ, ба Ӯ чӣ метавонӣ бидиҳӣ?
Ё Ӯ аз дасти ту чӣ чизе хоҳад гирифт+?
[8] Шарорати ту барои касест, ки мисли ту бошад,
ва адолати ту барои одамизод аст.
[9] Аз ситамҳои зиёд фиғон мекашанд,
аз дасти зӯроварон истиғоса мебаранд,+
[10] Вале касе намегӯяд: „Куҷост Худои Офаридагори ман,
ки шабонгоҳ сурудҳо ато мекунад,+
[11] Моро бештар аз ҳайвоноти рӯи замин таълим медиҳад
ва бештар аз мурғони ҳаво ҳикмат мебахшад?“
[12] Дар он ҷо ба сабаби ғурури бадкорон фарьёд мезананд,
вале Ӯ иҷобат намекунад+.
[13] Зеро ки Худо фарьёди ботилро намешунавад,
ва Қодир ба он назар намекунад.
[14] Агарчи гуфтаӣ, ки ту Ӯро намебинӣ, бо вуҷуди ин,
даъвои ту пеши Ӯст, ва ту дар интизори Ӯ бош+.
[15] Ва алҳол, азбаски дар ғазаби Худ ҳанӯз насанҷидааст,
ва ҷиноятро ба хубӣ надонистааст,
[16] Бинобар ин Айюб даҳони худро ба ёвагӯӣ кушода,
бе он ки донад, бисьёр сухан меронад»+.

## Давоми нутқи Элиҳу.

36 [1] Ва Элиҳу суханашро давом дода, гуфт:
[2] «Андаке ба ман сабр намо, то ба ту изҳор кунам,
зеро ки боз суханон дар ҳаққи Худо дорам.
[3] Фикри худро аз дур баён хоҳам кард,
ва ба Офаридагори худ васфи адолатро хоҳам гуфт.
[4] Зеро ки ҳақиқатан суханони ман дурӯғ нест:
шахси комилфикре бо ту сухан меронад+.
[5] Инак, Худо тавоност ва касеро тарк намекунад;
ҳам дар қувват тавоност ва ҳам донодил аст.
[6] Шарирро зинда намегузорад,
ва доди мазлумонро медиҳад+.
[7] Чашмони Худро аз одилон дур намекунад,
балки онҳоро ба сурати абадӣ бо подшоҳон бар тахт мешинонад,
ва онҳо сарафроз мешаванд+.
[8] Вале агар онҳо бо завлонаҳо баста шуда бошанд,
ва гирифтори қайди мусибат гардида бошанд,+
[9] Дар он сурат аъмолашонро ба онҳо мефаҳмонад,
ва ҷиноятҳошонро, ки афзудааст;
[10] Ва гӯшашонро барои панд мекушояд,
ва ба онҳо мегӯяд, ки аз хабосат даст кашанд+.
[11] Агар онҳо гӯш кунанд ва Ӯро ибодат намоянд,
рӯзҳои худро дар хушбахтӣ мегузаронанд,
ва солҳои худро дар хурсандӣ.
[12] Ва агар гӯш накунанд, ба дами шамшер нобуд мешаванд,
ва бе он ки донише пайдо кунанд, мемиранд+.
[13] Валекин касоне ки дили пур аз риё доранд, дарғазаб мешаванд,
ва ба Ӯ истиғоса намебаранд, вақте ки онҳоро гирифтори қайди мусибат мекунад.
[14] Ҷонашон дар ҷавонӣ фано мешавад,
ва ҳаёташон дар миёни аҳли фисқу фуҷур.
[15] Мусибатзадагонро Ӯ ба воситаи мусибаташон халос мекунад,
ва гӯшашонро бо фишор мекушояд.
[16] Ва ҳатто туро Ӯ аз даҳони бадбахтӣ берун меоварад
ба вусъатобод, ки мусибате дар он ҷо набошад;

ва ҳар таоме ки бар суфраи ту фурӯд меомад, пур аз равған мебуд+.
17 Вале ту аз даъвоҳои шарир пур ҳастӣ;
доварӣ ва бозхости Ӯ туро фаро хоҳад гирифт.
18 Барҳазар бош, ки мабодо ғазабат туро фирефта намуда, ба зарбаи Ӯ гирифтор кунад:
ва кафорати бисьёр набояд туро дар иштибоҳ андозад.
19 Оё истиғосаи ту қимате дорад барои он ки Ӯ туро ба вусъатобод барорад?
Ва тамоми ин шиддату қуввате ки ба зидди Ӯ ба кор мебарӣ+?
20 Орзуманди он шабе набош,
ки қавмҳо дар он аз ҷояшон нест мешаванд.
21 Эҳтиёт намо, ба маъсият моил нашав,
зеро ки онро бештар аз итоат баргузидаӣ.
22 Инак, Худо бо қуввати Худ олист;
кист, ки мисли Ӯ таълим диҳад?
23 Кист, ки роҳи Ӯро амр фармуда бошад?
Ва кист, ки бигӯяд: „Ту ноинсофӣ кардаӣ“?
24 Дар ёд дошта бош, ки корҳои Ӯро такбир гӯӣ,
ки онҳоро мардум месароянд.
25 Ҳамаи одамон онҳоро мебинанд;
ҳар кас ба онҳо аз дур назар меандозад.
26 Инак, Худо муаззам аст, ба тавре ки мо наметавонем Ӯро бишиносем;
шумораи солҳои Ӯ ҳадду ҳисоб надорад+.
27 Ӯ қатраҳои обро ҷудо мекунад;
онҳо андаруни буғ борони зулол мегардад,+
28 Ки онро абрҳо фурӯ рехта,
бар одамон фаровон меборонад.
29 Кист, ки тавонад амали абрҳои густурда
ва гулдурроси хаймаи Ӯро дарк намояд?
30 Инак, нури Худро бар он мегустаронад
ва қаъри баҳрро мепӯшонад.
31 Ба ин васила қавмҳоро доварӣ мекунад,
ба фаровонӣ ризқу рӯзӣ медиҳад.
32 Нурро дар кафҳои Худ ниҳон медорад,
ва онро амр мефармояд, ки ба ҳадафе бизанад+.

33 Гулдурроси он аз наздик омадани он хабар медиҳад,
ва тундбод аз ҷӯшиши ғазаби Ӯ.

## Давоми нутқи Элиҳу.

7 [1] Аз ин низ дили ман ба тапиш меафтад
ва аз хонааш мебарояд.
[2] Ғулғулаи овози Ӯро бодиққат бишнавед,
ва садоеро, ки аз даҳони Ӯ мебарояд.
[3] Онро ба зери тамоми осмон равона мекунад,
ва нури Ӯ дар ақсои замин намоён аст+.
[4] Баъд аз он, овозе ба ғурриш меояд:
Ӯ бо овози кибриёи Худ гулдуррос мезанад,
ва ҳангоме ки овозаш шунида шуд, онҳоро боздорӣ намекунад+.
[5] Худо бо овози Худ ба таври аҷоиб гулдуррос мезанад,
корҳои бузурге мекунад, ки барои мо ақлнорас аст+.
[6] Зеро ки ба барф мегӯяд: „Ба замин фурӯд ой“;
ҳамчунин ба боридани борон ва ба боридани боронҳои пурзӯри Худ+.
[7] Дасти ҳар одамро мӯҳр мезанад,
то ки тамоми мардум амали Ӯро бидонанд.
[8] Он гоҳ ҳайвонот низ дар ғорҳои худ пинҳон мешаванд
ва дар лонаҳои худ менишинанд+.
[9] Аз ҷануб тундбод меояд,
ва аз шимол сармо.
[10] Аз нафаси Худо ях ба вуҷуд меояд,
ва сатҳи об яхбанд мешавад+.
[11] Ӯ нами зиёде бар абрҳо бор мекунад,
ва саҳобҳои нури Худро мегустаронад.
[12] Ва онҳо бар тибқи тадбирсозиҳои Ӯ ба ҳар тараф чарх мезананд,
то ҳар чиро, ки ба онҳо амр фармояд,
бар рӯи замини ободон ба амал оваранд,+
[13] Хоҳ онҳоро барои ҷазо ба замини Худ равона кунад,
хоҳ барои эҳсонкорӣ+.
[14] Ба ин гӯш деҳ, эй Айюб!
Биисту ба корҳои аҷоиби Худо бодиққат назар андоз.
[15] Оё ту хабардор ҳастӣ, ки Худо бори Худро чӣ гуна бар онҳо мегузорад,
ва нурро амр мефармояд, ки абрҳои Ӯро равшан кунад?

[16] Оё ту аз мувозанаи абрҳо хабардор ҳастӣ,
ки он аз корҳои аҷоиби Комилфикр аст+?
[17] Оё ту хабардор ҳастӣ, ки либосҳоят чӣ гуна гарм мешавад,
вақте ки замин аз боди ҷанубӣ сокит мегардад?
[18] Оё ту метавонӣ ба монанди Ӯ фалакро бигустаронӣ,
ки он мисли оинаи фулуззӣ мустаҳкам аст+?
[19] Моро таълим деҳ, ки ба ин корҳои Ӯ чӣ гӯем?
Мо аз боиси торикӣ наметавонем чизе ба забон оварем+.
[20] Оё васфи пурраи Ӯ қобили имкон аст, ки ман боз сухан ронам?
Оё касе метавонад бигӯяд, ки чизе аз Ӯ пинҳон мемонад?
[21] Ва ҳоло нури офтобро аз паси абрҳо намебинанд,
гарчанде ки он бар фалак дурахшон аст;
вале боде вазида, онро тоза хоҳад кард.
[22] Аз шимол фурӯғи заррин меояд:
ин акси шукӯҳи саҳмгинест, ки бар Худост.
[23] Қодирро мо наметавонем дарьёбем:
Ӯ дар қувват ва инсоф бузург аст
ва дар адолат муаззам; ситам намекунад.
[24] Бинобар ин, бояд ки одамон тарсгори Ӯ бошанд;
лекин Ӯ ба ҳамаи донодилон назар намекунад»+.

## Айюб ба ҳузури Худованд.

8 [1] Ва Худованд ба Айюб аз миёни тундбод ҷавоб гардонда, гуфт:+
[2] «Он кист, ки машварати Маро
бо суханони бемаънӣ торик мекунад+?
[3] Канӣ, камари худро мисли мард бибанд:
Ман ба ту савол хоҳам дод, ва ту ба Ман бифаҳмон+.
[4] Вақте ки Ман буньёди заминро мениҳодам, ту куҷо будӣ?
Бигӯ, агар аз хирад хабардор бошӣ+.
[5] Кист, ки андозаҳои онро муайян намуд? Оё медонӣ?
Ё кист, ки шоқулро бар он кашид?
[6] Пояҳои он бар чӣ чиз ниҳода шудааст,
ё кист, ки санги зовияи онро гузошт,+
[7] Дар суратеки ситорагони субҳ якҷоя тараннум мекарданд,
ва ҳамаи фарзандони Худо нидоҳои шодӣ медоданд+?
[8] Ва кист, ки баҳрро бо дарвозаҳо баст,
ҳангоме ки он аз батн ҷаста берун меомад,+
[9] Ҳангоме ки Ман абрро либоси он
ва меғро парпечи он гардондам,
[10] Ва низоми Худро барои он барқарор намудам,
ва ғалақаю дарвозаҳо гузоштам,
[11] Ва гуфтам: „То ба ин ҷо биё, ва аз он набояд бигзарӣ,
ва дар ин ҷо саркашии мавҷҳоят боздошта хоҳад шуд“?
[12] Оё ту дар яке аз рӯзҳои умри худ ба субҳидам амр фармудаӣ
ва ба шафақ макони онро нишон додаӣ,
[13] То ки ақсои заминро фаро гирад,
ва шарирон аз он афшонда шаванд,
[14] Ва он мисли локи зери мӯҳр тағьир ёбад,
ва ҳама чиз мисли либоси рангин ба зуҳур ояд,
[15] Ва шарирон аз нурашон маҳрум шаванд,
ва бозуи баланд шикаста гардад+?
[16] Оё ту ба чашмаҳои қаъри баҳр фурӯд омадаӣ?
Ва ба интиҳои варта рафта расидаӣ?
[17] Оё дарвозаи мамот барои ту кушода шудааст?
Ва дарвозаи зулмотро дидаӣ?
[18] Оё ту ба фазои замин назар андохтаӣ?

Бигӯ, агар аз ҳамааш хабардор бошӣ.
19 Роҳи маскани нур чӣ гуна аст,
ва макони торикӣ куҷост,
20 То ки онро ба ҳудудаш бирасонӣ,
ва роҳҳои хонаи онро ба хубӣ бидонӣ?
21 Ба яқин, ту ин чизҳоро медонӣ, зеро ки дар он вақт таваллуд ёфтаӣ,
ва шумораи рӯзҳоят бузург аст.
22 Оё ту ба хазоини барф фурӯд омадаӣ,
ва хазоини жоларо дидаӣ,+
23 Ки онҳоро Ман барои замони тангӣ,
барои рӯзи муҳориба ва ҷанг нигоҳ доштаам+?
24 Бо кадом роҳ нур тақсим мешавад,
ва боди шарқӣ бар замин паҳн мегардад?
25 Кист, ки маҷрое барои борони сел сохт,
ва роҳе барои барқи тундарҳо,+
26 То ки бар замини беодам бориш кунад,
бар биёбоне ки касе дар он нест,+
27 Барои он ки чӯли хушк ва халоро сероб намояд,
ва аз он наботот бирӯёнад?
28 Оё борон падар дорад?
Ё кист, ки қатраҳои шабнамро ба вуҷуд оварда+?
29 Кист, ки аз батнаш ях берун омад?
Ва кист, ки қирави осмонро ба вуҷуд оварда+?
30 Об мисли санг сахт мешавад,
ва сатҳи варта зери ях пинҳон мегардад+.
31 Оё ту ақдҳои Парвинро бастаӣ?
Ё бандҳои Ҷабборро метавонӣ бикшоӣ+?
32 Оё ту метавонӣ бурҷҳои минтақатулбуруҷро дар сари вақташон берун оварӣ
ва Дубби Акбарро бо бачагонаш роҳбарӣ намоӣ+?
33 Оё ту низоми осмонро медонӣ?
Оё ҳукми онро метавонӣ бар замин барқарор намоӣ+?
34 Оё овози худро метавонӣ ба абрҳо баланд кунӣ,
то ки туро оби фаровоне бипӯшонад?
35 Оё ту барқҳоро метавонӣ бифиристӣ,
то ки онҳо бираванд ва ба ту бигӯянд: „Лаббай!“

36 Кист, ки ҳикматро дар ботин ниҳод?
Ё кист, ки хирадро ба шиҳоби соқиб бахшид?
37 Кист, ки бо ҳикмат абрҳоро дар шумор меоварад?
Ва кист, ки машкҳои осмонро мегустаронад,
38 Дар сурате ки хок ба гил табдил ёфта, сахт мешавад,
ва кулӯххҳо ба ҳамдигар мечаспад?
39 Оё ту нахҷирро барои шери мода сайд менамоӣ,
ва иштиҳои шерҳои ҷавонро қонеъ мегардонӣ,+
40 Вақте ки онҳо дар лонаҳо мехобанд,
ё дар беша нишаста, камин мегиранд+?
41 Кист, ки хӯроки зоғро муҳайё мекунад,
вақте ки бачаҳояш сӯи Худо истиғоса мебаранд
ва аз боиси бехӯрокӣ овора шуда мегарданд+?

## Давоми он.

9 [1] Оё ту вақти зоидани бузҳои кӯҳиро медонӣ?
Дарди зоиши оҳуёнро мушоҳида кардаӣ+?
[2] Оё пур шудани моҳҳои хомиладории онҳоро метавонӣ дар шумор оварӣ?
Ва оё вақти зоидани онҳоро медонӣ?
[3] Онҳо хам шуда, бачаҳои худро мезоянд,
борҳои худро берун мекунанд.
[4] Бачаҳои онҳо кувват мегиранд, дар дашт калон мешаванд,
баромада мераванд ва назди онҳо барнамегарданд.
[5] Кист, ки хари ваҳширо ба озодӣ сар дод?
Ва кист, ки бандҳои гӯрхарро яла кард,
[6] Ки Ман чӯлро хонаи вай
ва шӯразаминро маскани вай муқаррар намудаам?
[7] Вай ҳаёҳуи шаҳрро тамасхур мекунад,
шавқуни харбонро намешунавад;
[8] Дар кӯҳсор барои худ чарогоҳ меёбад,
ва ҳар навъ сабзаро ҷустуҷӯ мекунад.
[9] Оё гови ваҳшӣ розӣ мешавад, ки ба ту хизмат кунад?
Оё вай назди охури ту маскан мегирад?
[10] Оё гови ваҳширо бо арғамчини он метавонӣ ба ҷӯяк бибандӣ?
Оё вай аз ақиби ту кулӯххоро мола хоҳад кард?
[11] Оё ба вай, ба сабаби пурқувват буданаш, умед хоҳӣ баст,
ва кори худро ба вай ҳавола хоҳӣ кард?
[12] Оё ба вай эътимод хоҳӣ кард, ки ҳосилоти туро бозгардонад,
ва дар хирмангоҳат ҷамъ оварад?
[13] Оё шутурмурғ бо шодӣ болафшон мешавад?
Оё болафшонии вай монанди лаклак аст?
[14] Зеро ки вай тухмҳои худро бар замин вогузор менамояд,
ва бар рӯи хок онҳоро гарм мекунад,
[15] Ва аз хотир мебарорад, ки пое онро пахш мекунад,
ва ҳайвони саҳро онро маҷақ мекунад;
[16] Ба бачаҳояш дилсахтӣ мекунад, гӯё ки аз они вай набошанд;
меҳнаташ зоеъ шавад ҳам, вай парвое надорад,+
[17] Зеро ки Худо варо аз ҳикмат маҳрум кардааст,

ва аз хирад ба вай насибе надодааст.
18 Вақте ки вай ба давиш баланд мешавад,
бар асп ва савораи он механдад.
19 Оё ту ба асп қувват бахшидаӣ,
ва гардани онро бо ёл пӯшондаӣ?
20 Оё ту онро мисли малах ба давутози пурғулғула овардаӣ,
дар сурате ки садои баланди фах-фахн он даҳшатангез аст+?
21 Вай дар водӣ по мекӯбад, ва аз қуввати худ ба ваҷд меояд;
ба истиқболи яроқ берун меравад.
22 Бар бим механдад ва ба ҳарос намеафтад,
ва аз дами шамшер ақиб намегардад.
23 Тирдон бар вай ҷаранг-ҷаранг мекунад,
ва найзаю мизроқи дурахшанда.
24 Бо ғулғула ва хашм заминро барқвор тай мекунад,
ва аз садои шох бетоқат шуда, пой мекӯбад+.
25 Ҳар бор, ки шох садо диҳад, шеҳа мекашад,
ва аз дур ҷангро ҳис мекунад,
ва ғавғои мирон ва нидоро.
26 Оё аз хиради туст, ки қарчиғай парафшон мегардад
ва болҳои худро ба самти ҷануб менигаронад?
27 Оё ба амри туст, ки уқоб сууд мекунад
ва ошьёнаи худро дар баландӣ месозад?
28 Вай бар сари кӯҳпора маскан гирифта,
фароғат мекунад, бар дандонаи кӯҳпора ва қалъа;
29 Аз он ҷо нахҷире ҷустуҷӯ мекунад:
чашмонаш аз дур мебинад;
30 Ва чӯҷаҳояш хун мехӯранд,
ва ҳар куҷо ки лошае бошад, вай он ҷост».
31 Ва Худованд суханашро давом дода, ба Айюб гуфт:
32 «Оё касе ки бо Қодир муҷодила менамояд, боз танбеҳ хоҳад кард?
Мазамматкунандаи Худо бигзор ҷавоб гардонад!»+
33 Ва Айюб ба Худо ҷавоб гардонда, гуфт:
34 «Инак, ман ҳақир ҳастам; ба Ту чӣ ҷавоб мегардонам?
Дасти худро ба даҳонам мондаам+.
35 Як карат гуфтаам, ва дигар нахоҳам гуфт,
ва дубора такрор нахоҳам кард».

## Давоми он.

0

1 Ва Худованд ба Айюб аз миёни тундбод ҷавоб гардонда, гуфт:+
2 «Канӣ, камари худро мисли мард бибанд:
Ман ба ту савол хоҳам дод, ва ту ба Ман бифаҳмон+.
3 Оё ту мехоҳӣ доварии Маро ботил намоӣ,
Маро айбдор созӣ, то ки худро одил нишон диҳӣ+?
4 Ва оё ту бозуе мисли Худо дорӣ,
ва бо овозе мисли Ӯ метавонӣ гулдуррос занӣ+?
5 Пас, худро бо кибриё ва ҷалол оро бидеҳ,
ва пероҳани шукӯҳ ва шавкат бипӯш;
6 Ғазаб ва хашми худро бирез,
ва ба ҳар мағрур назар андохта, ӯро залил намо;
7 Ба ҳар мағрур назар андохта, ӯро мутеъ гардон,
ва шариронро дар маконашон поймол кун;
8 Онҳоро якҷоя дар хок ниҳон намо
ва рӯйҳошонро дар ниҳонхонае банд кун.
9 Он гоҳ Ман низ туро ҳамд хоҳам гуфт,
ки яминат метавонад туро мададгор шавад+.
10 Инак баҳимут, ки варо ба монанди ту офаридаам;
вай мисли гов алаф мехӯрад+.
11 Инак, қуввати вай дар камари вай аст,
ва тавоноии вай дар мушакҳои шикамаш.
12 Думи худро мисли арз меҷунбонад;
рагҳои ронаш ба ҳам печидааст.
13 Узвҳояш мисли қубурҳои мисин аст,
устухонҳояш мисли сихҳои оҳанин.
14 Вай нахустини корҳои Худост;
фақат Офаридагори вай метавонад
шамшери Худро ба вай наздик оварад.
15 Кӯҳҳо барои вай ғизо меоварад,
ва тамоми ҳайвоноти саҳро дар он ҷо бозӣ мекунанд.
16 Зери буттаҳои нилуфар мехобад,
дар сояи наистон ва дар ботлоқ.
17 Буттаҳои нилуфар варо бо сояи худ мепӯшонад,
бедҳои лаби наҳр варо иҳота мекунад.

18 Инак, дарьё ба талотум меояд, аммо вай ҳаросон намешавад:
Урдун пеши даҳонаш ҷаста берун ояд ҳам, вай ором хоҳад буд.
19 Оё варо касе дар пеши назари вай метавонад бигирад?
Ё бинии варо бо қуллоб сӯрох кунад?
20 Оё ту метавонӣ аждарро бо шаст бикашӣ?
Ва забонашро бо арғамчин фишор диҳӣ?
21 Оё ту метавонӣ аз бинии вай маҳор гузаронӣ?
Ва ҷоғи варо бо хоре шикоф кунӣ?
22 Оё вай ба ту бисьёр зорӣ хоҳад кард?
Оё бо мулоимат ба ту сухан хоҳад ронд?
23 Оё вай бо ту иттифоқ хоҳад баст?
Оё варо ба сурати абадӣ ба ғуломӣ хоҳӣ гирифт+?
24 Оё варо мисли гунҷишке бозӣ хоҳӣ доронд?
Ва барои канизони худ варо хоҳӣ баст?
25 Оё аҳли сайд варо хоҳанд фурӯхт?
Оё варо дар миёни тоҷирони канъонӣ тақсим хоҳанд кард?
26 Оё ту метавонӣ пӯсти варо бо найзаҳо сӯрох кунӣ,
ва сари варо бо сихи моҳигирон?
27 Агар дасти худро ба вай бирасонӣ,
муборизаро дар ёд хоҳӣ дошт, ва дигар нахоҳӣ кард.

## Давоми он.

1 [1] Инак, умеди дастгир кардани вай беасл аст;
фақат аз дидани вай, охир,
кас ба даҳшат хоҳад афтод+.
[2] Чунон шахси диловаре нест, ки варо барангезад;
пас кист, ки ба ҳузури Ман истодагӣ намояд?
[3] Кист, ки аз Ман пешдастӣ кардааст, ва Ман талофӣ бидиҳам?
Зери тамоми осмон ҳар чиз аз они Ман аст+.
[4] Дар бораи андоми вай хомӯш нахоҳам монд,
ва дар бораи иқтидор ва зебоии ҷуссаи вай.
[5] Кист, ки тавонад рӯи либоси варо яла кунад?
Кист, ки тавонад ба дандонҳои дуқатораи вай наздик ояд?
[6] Кист, ки тавонад дарҳои башараи варо воз кунад?
Доираи дандонҳои вай даҳшатангез аст.
[7] Сипарҳои қавии вай пур аз ифтихор аст;
бо мӯҳри сахте маҳкам карда шудааст;
[8] Бо якдигар тавре пайвастааст,
ки аз миёнашон ҳаво намегузарад;
[9] Ба ҳамдигар тавре часпида,
васл ёфтааст, ки ҷудо намешавад.
[10] Аз атсаҳои вай нур падид меояд,
ва чашмони вай мисли пилкҳои шафақи субҳ аст.
[11] Аз даҳони вай машъалҳо берун меояд,
шарораҳои оташ мепарад.
[12] Аз сӯрохҳои бинии вай дуд мебарояд,
мисли деги ҷӯшон ва қамишҳои сӯзон.
[13] Нафаси вай ахгарҳоро дармегиронад,
ва аз даҳони вай аланга берун меояд.
[14] Бар гардани вай қувват ҷойгир шудааст,
ва даҳшат ба ҳузури вай мерақсад.
[15] Қурчҳои шиками вай маҳкам часпида,
бар вай сахт шудааст ва овезон намешавад.
[16] Дили вай мисли санг сахт аст,
ва мисли осиёсанги зерин ноҷунбон аст.
[17] Вақте ки вай бармехезад, паҳлавонон ба ҳарос меафтанд,

ва аз даҳшат дасту по гум мекунанд.
18 Шамшере ки ба вай бизананд, истодагӣ нахоҳад кард,
ҳамчунин найза, мизроқ ва тир.
19 Вай оҳанро мисли хасе медонад,
ва мисро мисли чӯби пӯсидае.
20 Тири камон варо дар гурез намеоварад,
сангҳои фалахмон барои вай ба пари коҳ табдил меёбад.
21 Гурз мисли пари коҳе ҳисоб меёбад;
ва ба савти найза вай механдад.
22 Дар таҳти ҷисмаш пулакчаҳои мисли сафолпора тезе дорад,
гӯё ки ғаллакӯбаки тездандонро бар гил мегустаронад.
23 Гирдобро мисли дег ба ҷӯш меоварад,
дарьёро ба потилаи дорупазӣ монанд мегардонад.
24 Дар ақиби худ роҳи дурахшоне боқӣ мегузорад,
ба тавре ки варта ба назар сафедмӯй менамояд.
25 Бар рӯи хок мислаш нест,
ки чунин нотарс офарида шуда бошад.
26 Ба ҳар чизи олӣ нотарс менигарад:
вай бар ҳамаи даррандагон подшоҳ аст».

## Ҳукмномаи Айюб дар ҳаққи худи ӯ.

2 [1] Ва Айюб ба Худованд ҷавоб гардонда, гуфт:
[2] «Медонам, ки ҳар кор аз дасти Ту меояд,
ва нияти Туро боздоштан мумкин нест+.
[3] „Он кист, ки машваратро бемаънӣ пинҳон мекунад?“
Ба яқин, ман дар бораи чизҳое ки фаҳм накардаам, фикр баён намудаам,
дар бораи корҳои аҷоибе ки аз ақли ман берун аст, ва ман онҳоро намедонам+.
[4] „Канӣ, бишнав, ва ман сухан хоҳам ронд:
ман ба Ту савол хоҳам дод, ва Ту ба ман бифаҳмон“+.
[5] То ҳол ман овозаи Туро шунида будам,
ва акнун чашмонам Туро дидааст,
[6] Бинобар ин аз суханонам нафрат дорам,
ва дар хок ва хокистар пушаймон мешавам»+.

## Хотима: Айюб сафед шуда, сазовори шараф гардид.

[7] Ва воқеъ шуд баъд аз он ки Худованд ин суханонро ба Айюб гуфт,
Худованд ба Алифози Темонӣ чунин гуфт: «Ғазаби Ман бар ту ва бар
ду дӯсти ту оташ гирифтааст, чунки дар бораи Ман мисли бандаи
Ман Айюб сухани дуруст нагуфтед+.
[8] Ва акнун барои худ ҳафт наргов ва ҳафт қӯчқор бигиред, ва
назди бандаи Ман Айюб биравед, ва барои худ қурбонии сӯхтанӣ
бароваред, ва бандаи Ман Айюб барои шумо дуо хоҳад гуфт, зеро ки
фақат рӯи ӯро иҷобат хоҳам намуд, бе он ки ба шумо бадӣ бикунам,
чунки дар бораи Ман мисли бандаи Ман Айюб сухани дуруст
нагуфтед»+.
[9] Ва Алифози Темонӣ ва Билдоди Шуҳӣ ва Сӯфори Наъмотӣ
рафтанд, ва он чи Худованд ба онҳо фармуд, ба ҷо оварданд, ва
Худованд рӯи Айюбро иҷобат намуд+.
[10] Ва Худованд Айюбро ба вазъияти пештараи ӯ баргардонид, вақте
ки ӯ барои дӯстони худ дуо гуфт; ва Худованд ба Айюб ҳар он чи
пештар дошт, дучандон зиёд кард+.
[11] Ва ҳамаи бародарони ӯ ва ҳамаи хоҳарони ӯ ва ҳамаи ошноҳои
пештараи ӯ назди ӯ омаданд, ва дар хонаи ӯ бо ӯ нон хӯрданд, ва дар

бораи тамоми мусибате ки Худованд ба сари ӯ оварда буд, ба ӯ ҳамдардӣ изҳор намуда, ӯро тасаллӣ доданд, ва ҳар кас ба ӯ як қсито* ва як ҳалқаи тилло дод+.
12 Ва Худованд охири Айюбро бештар аз аввали ӯ баракат дод, ва ӯро чордаҳ ҳазор бузу гӯсфанд ва шаш ҳазор шутур ва ҳазор ҷуфт гов ва ҳазор модахар буд.
13 Ва ӯро ҳафт писар ва се духтар буд+.
14 Ва духтари якумро Емимо, ва дуюмро Қесио, ва сеюмро Қерен-Ҳаппух ном ниҳод.
15 Ва дар тамоми замин мисли духтарони Айюб занони хушлиқо ёфт намешуданд, ва падарашон ба онҳо дар миёни бародаронашон мерос дод+.
16 Ва баъд аз он Айюб саду чил сол зиндагӣ кард, ва фарзандони худ ва фарзандони фарзандони худро то насли чорум дид+.
17 Ва Айюб пир ва солхӯрда шуда, вафот ёфт.

---

* 1:6 Фариштагон.

* 9:13 **Раҳаб** — аждаҳо (ҳайвони бадҳайбати афсонавӣ, ки бар зидди Худо қиём карда, мағлуб шудааст).

* 30:4 **Ратам** — як хел дарахти қадпасти биёбон, ки тана ва шохаҳои бағоят сахт дорад. Решаи он талх аст.

* 42:11 **Қсито** — сиккаи қадимӣ, ки аз микдори муайяни нуқра иборат буда, бар рӯяш нақши гӯсфанд дошт.

---

+ 1:1 Ҳас. 22:21, Ирм. 25:20, Нав. 4:21, Ҳиз. 14:14, Ҳиз. 14:20, Яъқ. 5:11, Ҳас. 6:9, Заб. 17:22-24

+ 1:3 Дов. 6:3

+ 1:5 1 Подш. 16:5, Ҳас. 8:20

+ 1:6 Айюб 2:1, Айюб 38:7

+ 1:7 1 Пет. 5:8

+ 1:10 Заб. 127:2

+ 1:11 Рут 1:13, Айюб 19:21

+ 1:15 3 Подш. 10:1

+ 1:16 4 Подш. 1:10

+ 1:17 Дов. 7:16, 1 Подш. 11:11, 4 Подш. 24:2

+ 1:20 Ҳас. 37:29, Ҳас. 37:34

+ 1:21 Ҳас. 3:19, Воиз 3:10, Воиз 5:14, 1 Тим. 6:7, Заб. 112:2

+ 2:1 Айюб 1:6

+ 2:7 Хур. 9:9, Так. Шар. 28:35

+ 2:8 Ҳиз. 27:30, Юн. 3:6

+ 2:10 Заб. 38:2

+ 2:11 Мас. 17:17, Ҳас. 36:15, Ирм. 49:7, Ҳас. 25:2

+ 2:12 Ҳас. 37:29, Ҳиз. 27:30

+ 2:13 Нав. 2:10, Ҳиз. 3:15

+ 3:3 Ирм. 20:14-18

+ 3:11 Айюб 10:18-19

+ 3:16 Заб. 57:8, Воиз 6:3

+ 3:20 Ирм. 20:18

+ 3:21 Ирм. 8:3, Ваҳй 9:6

+ 3:22 Воиз 3:20

+ 3:23 Айюб 19:8

+ 3:25 Мас. 10:24, Иш. 66:4

+ 4:3 Иш. 35:3

+ 4:6 Айюб 1:1

+ 4:7 Заб. 33:10-11, Заб. 36:25, Мас. 10:3

+ 4:8 Мас. 22:8, Ғал. 6:7-8

+ 4:9 Хур. 15:8, Заб. 17:16, Айюб 15:30, Иш. 30:33

+ 4:13 Ҳас. 15:12, Айюб 33:15

+ 4:14 Заб. 118:120

+ 4:16 3 Подш. 19:12

+ 4:17 Айюб 9:2, Айюб 25:4, Заб. 142:2, Воиз 7:20

+ 4:18 Айюб 15:15

+ 4:21 Айюб 36:12

+ 5:1 Айюб 15:15, Заб. 88:6, Зак. 14:5

+ 5:2 Мас. 29:11

+ 5:9 Айюб 9:10, Айюб 37:5

+ 5:10 Заб. 64:10, Заб. 146:8

+ 5:11 1 Подш. 2:7

+ 5:13 Айюб 18:7, 1 Қӯр. 3:19

+ 5:14 Так. Шар. 28:29, Айюб 12:25, Иш. 59:10

+ 5:15 Заб. 34:10

+ 5:16 Заб. 62:12, Заб. 106:42

+ 5:17 Заб. 93:12, Мас. 3:11

+ 5:18 Так. Шар. 32:39, Иш. 30:26, Ҳуш. 6:1

+ 5:19 Заб. 33:20, Мас. 6:16, Мас. 30:18

+ 5:20 3 Подш. 17:6, Заб. 32:19, Заб. 36:19

+ 5:21 Заб. 30:21

+ 5:25 Заб. 71:16

+ 5:26 Ҳас. 15:15, Ҳас. 25:8

+ 6:3 Мас. 27:3

+ 6:4 Так. Шар. 32:23, Заб. 37:3, Нав. 3:13

+ 6:9 3 Подш. 19:4, Юн. 4:3

+ 6:15 Заб. 40:10, Ирм. 15:18

+ 6:19 Ҳас. 25:15, Иш. 21:14, Ирм. 25:23, 3 Подш. 10:1

+ 6:26 Айюб 15:2

+ 7:1 Айюб 14:6, Айюб 14:14

+ 7:2 Иб. 19:13

+ 7:4 Так. Шар. 28:67

+ 7:6 Айюб 9:25, Иш. 38:12, Айюб 17:11

+ 7:8 Айюб 20:9

+ 7:10 Заб. 36:10, Заб. 102:16

+ 7:16 Айюб 9:21, Айюб 10:1, Айюб 10:20, Воиз 1:2, Заб. 38:6-7, Заб. 61:10, Заб. 143:4

+ 7:17 Заб. 8:5, Заб. 143:3

+ 7:18 Заб. 10:5

+ 7:19 Айюб 14:6, Заб. 38:14

+ 7:20 Айюб 16:12, Нав. 3:12

+ 8:1 Айюб 2:11

+ 8:3 Айюб 34:12

+ 8:6 Мас. 3:33

+ 8:8 Так. Шар. 32:7

+ 8:9 Заб. 101:12, Воиз 6:12

+ 8:12 Заб. 128:6

+ 8:13 Заб. 9:18, Айюб 27:8, Мас. 10:28, Мас. 11:7

+ 8:14 Иш. 59:6

+ 8:15 Айюб 27:18

+ 8:18 Айюб 7:10

+ 8:21 Заб. 125:2

+ 8:22 Заб. 108:29

+ 9:2 Айюб 4:17, Айюб 15:14, Айюб 25:4

+ 9:3 Айюб 10:2

+ 9:6 Иш. 2:19, Иш. 13:13, Ҳаҷ. 2:6

+ 9:8 Айюб 26:7, Заб. 103:2, Иш. 40:22, Ирм. 10:12, Ирм. 51:15

+ 9:9 Айюб 38:31-32, Ом. 5:8

+ 9:10 Айюб 5:9

+ 9:13 Айюб 26:12, Заб. 88:11, Иш. 51:9

+ 9:15 1 Қӯр. 4:4

+ 9:19 Ирм. 49:19, Ирм. 50:44

+ 9:20 Айюб 15:6

+ 9:21 Айюб 1:1, Айюб 1:8, Айюб 7:16, Айюб 10:1

+ 9:22 Воиз 9:2, Ҳиз. 21:3

+ 9:24 Айюб 12:17

+ 9:25 Айюб 7:6

+ 9:30 Ирм. 2:22

+ 9:32 Айюб 33:13, Айюб 39:32, Воиз 6:10, Иш. 45:9, Рум. 9:20

+ 10:1 Айюб 7:16, Айюб 9:21

+ 10:2 Айюб 9:3

+ 10:4 1 Подш. 16:7

+ 10:7 Айюб 2:3, Так. Шар. 32:39, Иш. 43:13

+ 10:8 Заб. 118:71

+ 10:9 Айюб 4:19, Айюб 33:6, Иш. 64:8

+ 10:10 Заб. 138:13

+ 10:17 Айюб 19:12

+ 10:18 Айюб 3:11-12, Ирм. 20:14-18

+ 10:20 Айюб 14:1, Айюб 7:16

+ 10:21 Заб. 87:7, Заб. 87:13, Заб. 38:14

+ 11:1 Айюб 2:11

+ 11:4 Айюб 10:7

+ 11:8 Заб. 138:8

+ 11:10 Айюб 9:12, Айюб 12:14

+ 11:13 Заб. 142:6

+ 11:14 Айюб 22:23

+ 11:17 Айюб 22:28, Мас. 4:18, Иш. 60:3, Дон. 12:3

+ 11:19 Мас. 3:24

+ 12:4 Заб. 90:14, Айюб 16:10, Айюб 17:2, Айюб 30:1

+ 12:6 Айюб 21:7

+ 12:10 Ад. 16:22, Дон. 5:23, Аъм. 17:28

+ 12:11 Айюб 34:3

+ 12:12 Айюб 32:7

+ 12:14 Воиз 7:13, Айюб 11:10

+ 12:17 Айюб 9:24

+ 12:18 Дон. 2:21, Дон. 5:20

+ 12:21 Заб. 106:40, Иш. 40:23

+ 12:22 Дон. 2:22, Воиз 12:14, 1 Қӯр. 4:5

+ 12:23 Иш. 9:3, Иш. 26:15

+ 12:24 Заб. 106:40

+ 12:25 Так. Шар. 28:29, Айюб 5:14, Заб. 106:27

+ 13:3 Айюб 23:4

+ 13:5 Мас. 17:28

+ 13:9 Ғал. 6:7

+ 13:19 Иш. 50:8

+ 13:21 Заб. 38:11, Айюб 33:7

+ 13:22 Айюб 14:15

+ 13:24 Айюб 19:11, Айюб 33:10

+ 13:25 Заб. 82:14

+ 13:26 Заб. 24:7

+ 13:27 Айюб 33:11

+ 13:28 Иш. 50:9, Яъқ. 5:2

+ 14:1 Айюб 15:14, Айюб 25:4, Ҳас. 47:9

+ 14:2 1 Вақ. 29:15, Заб. 101:12, Заб. 143:4, Воиз 6:12, Воиз 8:13

+ 14:4 Айюб 15:14

+ 14:6 Айюб 7:19, Айюб 7:1-2

+ 14:11 Иш. 19:5

+ 14:12 Заб. 88:30

+ 14:13 Айюб 21:13

+ 14:14 Иш. 26:19, Айюб 7:1

+ 14:15 Айюб 13:22

+ 14:16 Айюб 31:4, Айюб 34:21

+ 14:21 Воиз 9:5

+ 15:1 Айюб 2:11

+ 15:2 Айюб 16:3, Айюб 6:26

+ 15:6 Айюб 9:20, Лук. 19:22

+ 15:7 Мас. 8:25, Заб. 89:3

+ 15:8 Ирм. 23:18

+ 15:9 Айюб 12:3, Айюб 13:2

+ 15:14 Айюб 4:17, Айюб 9:2, Айюб 14:1, Айюб 25:4-6, Заб. 50:7

+ 15:15 Айюб 4:18, Айюб 5:1, Заб. 88:6, Зак. 14:5

+ 15:16 Айюб 34:7, Мас. 19:28, Айюб 25:6

+ 15:18 Заб. 77:4

+ 15:27 Заб. 72:7

+ 15:30 Айюб 4:9

+ 15:32 Айюб 22:16, Заб. 54:24

+ 15:34 Айюб 20:26, Заб. 20:10

+ 15:35 Заб. 7:15, Иш. 59:4, Яъқ. 1:15

+ 16:3 Айюб 15:2

+ 16:7 Айюб 1:15-19

+ 16:9 Заб. 34:15, Заб. 36:12

+ 16:10 Айюб 12:4, Айюб 17:2, Айюб 30:1, Иш. 50:6

+ 16:12 Айюб 7:20

+ 16:13 Айюб 20:25

+ 16:19 Заб. 88:38

+ 17:2 Айюб 12:4, Айюб 16:10, Айюб 30:1

+ 17:3 Заб. 118:122, Мас. 22:26

+ 17:6 Так. Шар. 28:37, Айюб 30:9

+ 17:11 Айюб 7:6

+ 17:12 Иш. 5:20

+ 17:13 Воиз 12:5

+ 18:1 Айюб 2:11, Айюб 8:1

+ 18:3 Заб. 72:22

+ 18:5 Айюб 21:17, Мас. 13:9, Мас. 24:20

+ 18:7 Айюб 5:13

+ 18:8 Заб. 9:16, Заб. 139:6

+ 18:11 Айюб 15:21, Айюб 20:25, Айюб 27:20

+ 18:15 Ҳас. 19:24, Заб. 10:6, Ҳиз. 38:22

+ 18:17 Айюб 24:20, Заб. 33:17, Мас. 10:7

+ 18:19 Заб. 20:11

+ 18:21 Дов. 2:10, Ирм. 9:3, 2 Тас. 1:8

+ 19:7 Айюб 24:12, Ҳаб. 1:2

+ 19:8 Айюб 3:23, Нав. 3:9

+ 19:9 Заб. 88:40

+ 19:11 Айюб 13:24, Айюб 33:10

+ 19:12 Айюб 10:17, Айюб 30:12, Нав. 3:5

+ 19:13 Заб. 30:12, Заб. 37:11, Заб. 68:9, Заб. 87:9

+ 19:17 Айюб 2:9

+ 19:18 4 Подш. 2:23

+ 19:21 Рут 1:13, Айюб 1:11

+ 19:23 Иш. 30:8

+ 19:24 Ирм. 17:1

+ 19:25 Мас. 23:11, Иш. 43:14

+ 19:26 Заб. 16:15, 1 Юҳ. 3:2

+ 19:29 Воиз 12:14

+ 20:1 Айюб 2:11, Айюб 11:1

+ 20:4 Ҳас. 2:7, Так. Шар. 4:32

+ 20:6 Иш. 14:13-14

+ 20:7 Заб. 82:11

+ 20:8 Иш. 29:7

+ 20:9 Айюб 7:8, Айюб 7:10

+ 20:12 Заб. 9:28

+ 20:25 Айюб 16:13

+ 20:26 Айюб 15:34, Заб. 20:10, Ибр. 12:29

+ 20:29 Айюб 27:13, Айюб 31:2

+ 21:3 Айюб 16:20

+ 21:5 Мас. 30:32, Мик. 7:16

+ 21:7 Айюб 12:6, Заб. 72:3-4, Воиз 8:14, Ирм. 12:1, Мал. 3:15

+ 21:14 Айюб 22:17

+ 21:15 Хур. 5:2

+ 21:16 Айюб 22:18, Заб. 1:1

+ 21:17 Айюб 18:5-6, Мас. 13:9, Мас. 24:20

+ 21:18 Заб. 1:4, Заб. 82:14, Мас. 10:25

+ 21:19 Хур. 20:5

+ 21:20 Заб. 74:8, Иш. 51:17, Ирм. 25:15, Уб. 1:16, Ваҳй 14:10

+ 21:22 Иш. 40:14, Рум. 11:35, 1 Қӯр. 2:16, Айюб 4:18, Айюб 15:15

+ 21:30 Мас. 16:4

+ 21:31 Так. Шар. 7:10

+ 22:1 Айюб 2:11, Айюб 4:1, Айюб 15:1

+ 22:3 Айюб 35:7

+ 22:6 Хур. 22:6, Так. Шар. 24:13

+ 22:7 Айюб 31:17

+ 22:9 Айюб 31:21, Иш. 10:2, Ҳиз. 22:7

+ 22:10 Айюб 18:8

+ 22:11 Юн. 2:4

+ 22:12 Айюб 35:5

+ 22:13 Заб. 72:11, Заб. 93:7

+ 22:16 Айюб 15:32

+ 22:17 Айюб 21:14

+ 22:18 Айюб 21:16

+ 22:19 Заб. 51:8, Заб. 57:11

+ 22:22 Мас. 2:6

+ 22:23 Айюб 11:14

+ 22:24 Ҳас. 10:29, 3 Подш. 9:28, 1 Вақ. 29:4

+ 22:26 Заб. 36:4, Иш. 58:14

+ 22:27 Заб. 49:14, Воиз 5:3

+ 22:28 Айюб 11:17, Мас. 4:18, Иш. 60:3, Дон. 12:3

+ 22:30 Яъқ. 5:15

+ 23:4 Айюб 13:3, Айюб 16:21

+ 23:10 Заб. 138:3, Заб. 65:10, 1 Пет. 1:7

+ 23:13 Мас. 19:21, Иш. 14:26, Дон. 4:32

+ 24:2 Так. Шар. 19:14, Мас. 22:28, Мас. 23:10

+ 24:4 Ом. 2:7, Мас. 28:28

+ 24:7 Хур. 22:26-27

+ 24:12 Ҳаб. 1:2

+ 24:13 Юҳ. 3:19-20

+ 24:15 Мас. 7:9

+ 24:20 Айюб 18:17

+ 24:24 Заб. 36:10

+ 25:1 Айюб 2:11, Айюб 8:1, Айюб 18:1

+ 25:3 Мат. 5:45

+ 25:4 Айюб 4:17, Айюб 9:2, Айюб 15:14, Заб. 142:2

+ 25:6 Айюб 15:16, Заб. 21:6, Иш. 41:14

+ 26:6 Заб. 138:8, Мас. 15:11

+ 26:7 Айюб 9:8

+ 26:8 Мас. 30:4

+ 26:10 Ҳас. 1:9, Ҳас. 1:10, Мас. 8:29

+ 26:11 Заб. 103:7

+ 26:12 Айюб 9:13, Заб. 88:11, Иш. 51:9

+ 26:13 Иш. 27:1

+ 27:2 Айюб 34:5

+ 27:3 Айюб 33:4

+ 27:8 Айюб 8:13

+ 27:9 Заб. 17:42, Заб. 65:18, Мас. 1:28, Мас. 28:9, Юҳ. 9:31

+ 27:13 Айюб 20:29

+ 27:14 Иш. 1:22

+ 27:15 Заб. 77:64

+ 27:16 Зак. 9:3

+ 27:17 Заб. 38:7, Мас. 13:22

+ 27:18 Айюб 8:15

+ 27:19 Заб. 48:18

+ 27:21 Айюб 30:22

+ 27:23 Нав. 2:15

+ 28:12 Мас. 16:16, Воиз 7:24

+ 28:13 Заб. 26:13, Иш. 53:8, Ҳиз. 26:20

+ 28:15 Мас. 3:14-15

+ 28:16 Ҳас. 10:29, 3 Подш. 9:28, 1 Вақ. 29:4, Айюб 22:24

+ 28:18 Мас. 8:11

+ 28:26 Айюб 38:25

+ 28:27 Мас. 8:22

+ 28:28 Заб. 110:10, Мас. 1:7, Мас. 9:10, Мас. 3:7, Мас. 14:16

+ 29:3 2 Подш. 22:29, Заб. 17:29, Заб. 118:105

+ 29:5 Айюб 1:2

+ 29:6 Ҳас. 49:12

+ 29:10 Заб. 136:6

+ 29:12 Заб. 81:5, Мас. 31:8

+ 29:14 Заб. 131:9

+ 29:16 Мас. 14:21, Мас. 29:7

+ 29:17 Заб. 3:7, Заб. 13:4, Заб. 57:7, Мас. 30:14

+ 29:23 Заб. 118:129

+ 30:1 Айюб 12:4, Айюб 16:10, Айюб 17:2

+ 30:9 Так. Шар. 28:37, Айюб 17:6

+ 30:10 Заб. 87:9

+ 30:12 Айюб 19:12

+ 30:15 Айюб 18:11

+ 30:22 Айюб 27:21

+ 30:26 Ирм. 8:15, Ирм. 14:19

+ 30:30 Нав. 4:8, Заб. 101:3

+ 31:1 Мас. 6:25, Мат. 5:28

+ 31:2 Айюб 20:29

+ 31:4 2 Вак. 16:9, Мас. 15:3, Зак. 4:10

+ 31:6 Дон. 5:27

+ 31:8 Иб. 26:16

+ 31:9 Айюб 24:15

+ 31:10 Так. Шар. 28:30, Ирм. 8:10

+ 31:12 Мас. 6:27-29

+ 31:15 Мас. 22:2

+ 31:17 Айюб 22:7

+ 31:18 Яък. 1:27

+ 31:20 Айюб 29:13

+ 31:21 Айюб 22:9

+ 31:24 Марқ. 10:22, Марқ. 10:24

+ 31:25 Заб. 61:11

+ 31:27 Так. Шар. 4:19

+ 31:29 Мас. 24:17-18

+ 31:30 Мат. 5:44, Рум. 12:14

+ 31:32 Дов. 19:20-21

+ 31:33 Айюб 28:13

+ 31:35 Айюб 13:22

+ 31:40 Ҳас. 3:18

+ 32:2 Ҳас. 22:21

+ 32:4 Айюб 15:10

+ 32:7 Айюб 12:12

+ 32:8 Айюб 33:4, Заб. 118:100

+ 32:20 Заб. 38:4, Ирм. 6:11, Ирм. 20:10

+ 33:4 Ҳас. 2:7, Айюб 27:3, Айюб 32:8, Заб. 103:30, Аъм. 17:25

+ 33:6 Айюб 4:19, Айюб 10:9, Иш. 64:8

+ 33:7 Айюб 13:21

+ 33:9 Айюб 9:21, Айюб 10:7, Айюб 12:4, Айюб 16:17, Айюб 27:5-6, Айюб 32:1

+ 33:10 Айюб 13:24, Айюб 19:11

+ 33:11 Айюб 13:27, Айюб 14:16

+ 33:13 Айюб 9:32, Айюб 39:32

+ 33:15 Ад. 12:6, Айюб 4:13

+ 33:16 Айюб 36:10

+ 33:19 Айюб 30:17

+ 33:20 Заб. 101:5, Заб. 106:18

+ 33:23 Заб. 33:8

+ 33:24 Заб. 48:8

+ 33:25 4 Подш. 5:14

+ 33:26 Заб. 16:15

+ 33:28 Заб. 15:10, Иш. 38:17

+ 33:30 Заб. 55:14

+ 34:3 Айюб 12:11

+ 34:5 Айюб 27:2, Айюб 33:9

+ 34:7 Айюб 15:16, Мас. 19:28

+ 34:8 Заб. 1:1

+ 34:9 Айюб 9:22, Айюб 21:16

+ 34:10 Ҳас. 18:25, Заб. 91:16

+ 34:11 Мас. 24:12, Заб. 61:13

+ 34:12 Айюб 8:3

+ 34:15 Ҳас. 3:19, Заб. 89:4, Заб. 103:29, Воиз 3:20, Воиз 12:7

+ 34:19 Айюб 31:15, Мас. 22:2

+ 34:20 Дон. 8:25

+ 34:21 Айюб 14:16, Айюб 31:4

+ 34:22 Заб. 138:12

+ 34:24 Заб. 2:9

+ 34:28 Айюб 35:9

+ 34:35 Айюб 35:15

+ 34:37 Айюб 27:23, Нав. 2:15

+ 35:3 Айюб 9:22, Айюб 21:16

+ 35:5 Айюб 22:12

+ 35:7 Айюб 22:2-3

+ 35:9 Хур. 2:23, Айюб 34:28, Воиз 4:1, Воиз 5:7

+ 35:10 Заб. 41:9

+ 35:12 Айюб 27:9

+ 35:14 Айюб 9:11, Айюб 23:9

+ 35:16 Айюб 34:35, Айюб 34:37, Айюб 38:2, Айюб 42:3

+ 36:4 Айюб 37:16

+ 36:6 Айюб 34:28

+ 36:7 Заб. 33:16, 1 Подш. 2:8

+ 36:8 Заб. 106:10

+ 36:10 Айюб 33:16

+ 36:12 Иш. 1:19-20, Айюб 4:21

+ 36:16 Заб. 4:2

+ 36:19 Заб. 48:8, Мас. 11:4

+ 36:26 Заб. 101:28

+ 36:27 Мас. 3:20

+ 36:32 Ҳаб. 3:4

+ 37:3 Айюб 36:30, Айюб 36:32

+ 37:4 2 Подш. 22:14, Заб. 17:14, Заб. 28:3-4

+ 37:5 Айюб 5:9

+ 37:6 Заб. 148:8

+ 37:8 Заб. 103:22

+ 37:10 Айюб 38:29-30

+ 37:12 Заб. 148:8

+ 37:13 Хур. 9:18, 3 Подш. 18:45

+ 37:16 Айюб 36:4

+ 37:18 Иш. 44:24

+ 37:19 Иш. 60:2

+ 37:24 Мас. 15:33

+ 38:1 Айюб 40:1, Зак. 9:14

+ 38:2 Айюб 35:16, Айюб 42:3

+ 38:3 Айюб 40:2

+ 38:4 Заб. 103:5, Мас. 8:29

+ 38:6 1 Подш. 2:8

+ 38:7 Ҳас. 6:2, Айюб 1:6, Айюб 2:1

+ 38:8 Ҳас. 1:9, Заб. 32:7, Заб. 103:9, Ирм. 5:22

+ 38:15 Айюб 18:5

+ 38:22 Заб. 134:7

+ 38:23 Еҳ. 10:11, Иш. 30:30

+ 38:25 Айюб 28:26

+ 38:26 Заб. 106:35, Иш. 35:6, Иш. 41:18

+ 38:28 Айюб 5:10

+ 38:29 Айюб 37:10, Заб. 147:5

+ 38:30 Айюб 37:10

+ 38:31 Айюб 9:9, Ом. 5:8

+ 38:32 Айюб 9:9

+ 38:33 Ирм. 31:35

+ 38:39 Заб. 103:21

+ 38:40 Заб. 16:11

+ 38:41 Заб. 146:9

+ 39:1 Заб. 103:18

+ 39:16 Нав. 4:3

+ 39:20 Ирм. 8:16

+ 39:24 Ирм. 4:19, Ом. 3:6

+ 39:32 Айюб 9:32, Айюб 33:13

+ 39:34 Айюб 42:6

+ 40:1 Айюб 38:1

+ 40:2 Айюб 38:3

+ 40:3 Айюб 32:2

+ 40:4 Айюб 37:4

+ 40:9 Заб. 97:1, Иш. 59:16

+ 40:10 Ад. 22:4

+ 40:23 Еҳ. 9:15, Еҳ. 9:27

+ 41:1 Айюб 3:8, Айюб 40:20, Заб. 73:14, Заб. 103:26, Иш. 27:1

+ 41:3 Хур. 9:29, Заб. 23:1

+ 42:2 Ҳас. 18:14, Ирм. 32:17, Мат. 19:26

+ 42:3 Айюб 38:2

+ 42:4 Айюб 38:3, Айюб 40:2

+ 42:6 Айюб 2:8

+ 42:7 Айюб 2:11

+ 42:8 Ад. 23:1, 1 Вақ. 15:26, Ҳас. 20:7, Яъқ. 5:16

+ 42:9 Айюб 2:11

+ 42:10 Иш. 40:2, Иш. 61:7

+ 42:11 Айюб 19:13

+ 42:13 Айюб 1:2

+ 42:15 Ад. 27:1-8

+ 42:16 Ҳас. 50:23

# ЗАБУР


| | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 | 7 | 8 |
| 9 | 10 | 11 | 12 | 13 | 14 | 15 | 16 |
| 17 | 18 | 19 | 20 | 21 | 22 | 23 | 24 |
| 25 | 26 | 27 | 28 | 29 | 30 | 31 | 32 |
| 33 | 34 | 35 | 36 | 37 | 38 | 39 | 40 |
| 41 | 42 | 43 | 44 | 45 | 46 | 47 | 48 |
| 49 | 50 | 51 | 52 | 53 | 54 | 55 | 56 |
| 57 | 58 | 59 | 60 | 61 | 62 | 63 | 64 |
| 65 | 66 | 67 | 68 | 69 | 70 | 71 | 72 |
| 73 | 74 | 75 | 76 | 77 | 78 | 79 | 80 |
| 81 | 82 | 83 | 84 | 85 | 86 | 87 | 88 |
| 89 | 90 | 91 | 92 | 93 | 94 | 95 | 96 |
| 97 | 98 | 99 | 100 | 101 | 102 | 103 | 104 |
| 105 | 106 | 107 | 108 | 109 | 110 | 111 | 112 |

| | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 113 | 114 | 115 | 116 | 117 | 118 | 119 | 120 |
| 121 | 122 | 123 | 124 | 125 | 126 | 127 | 128 |
| 129 | 130 | 131 | 132 | 133 | 134 | 135 | 136 |
| 137 | 138 | 139 | 140 | 141 | 142 | 143 | 144 |
| | 145 | 146 | 147 | 148 | 149 | 150 | |

# ТАРОНАИ ЯКУМ

## Хушбахтии одилон ва ҳалокати шарирон.

1 Хушо касе ки ба машварати шарирон намеравад,
ва дар тариқи хатокорон намеистад,
ва дар маҷлиси масхарабозон наменишинад;+
2 Фақат ба шариати Худованд шавқ дорад,
ва рӯзу шаб Таврoти Ӯро меомӯзад;+
3 Ва мисли дарахте хоҳад буд, ки назди ҷӯйҳои об шинонда шудааст,
ва меваи худро дар мавсимаш медиҳад,
ва баргаш пажмурда намешавад,
ва ҳар чӣ мекунад, барор хоҳад ёфт+.
4 Шарирон чунин нестанд,
балки монанди пари коҳанд,
ки онро бод пароканда мекунад+.
5 Бинобар ин шарирон дар рӯзи бозхост нахоҳанд бархост;
хатокорон низ дар ҷамоати одилон,
6 Зеро ки Худованд тариқи одилонро медонад,
вале роҳи шарирон сӯи адам хоҳад бурд+.

## ТАРОНАИ ДУЮМ

## Нубувват дар бораи малакути Писари Худо.

1 Чаро халқҳо ба шӯр меоянд,
ва қабилаҳо беҳуда қасд мекунанд+?
2 Подшоҳони замин қиём мекунанд,
ва мирон бо ҳам машварат менамоянд
бар зидди Худованд ва бар зидди Масеҳи Ӯ:+
3 «Бандҳои онҳоро қатъ хоҳем кард,
ва завлонаҳои онҳоро аз худ дур хоҳем андохт».
4 Он ки дар осмон нишастааст, механдад:
Худованд онҳоро тамасхур менамояд+.
5 Он гоҳ дар хашми Худ ба онҳо сухан меронад,
ва бо ғазаби Худ онҳоро ба ҳарос меандозад:
6 «Валекин Ман подшоҳи Худро бар Сион,
кӯҳи муқаддаси Худ, таъин кардаам»+.
7 Амри Худовандро баён мекунам.
Ӯ ба Ман гуфт: «Ту Писари Ман ҳастӣ;
Ман имрӯз Падари Ту шудаам+.
8 Аз Ман талаб намо, ва қавмҳоро ба мероси Ту,
ва ақсои заминро ба тасарруфи Ту хоҳам дод.
9 Онҳоро бо асои оҳанин шикаст хоҳӣ дод;
мисли кӯзаи кулол пора-пора хоҳӣ кард»+.
10 Пас, эй подшоҳон, ба ақл оед;
эй доварони замин, таълим гиред!
11 Худовандро бо тарс ибодат намоед,
ва бо ларз шодӣ кунед+.
12 Писарро иззат кунед, ки мабодо ба ғазаб ояд,
ва шумо дар роҳ нобуд шавед;
зеро ки ғазаби Ӯ зуд аланга хоҳад гирифт.
Хушо ҳамаи онҳое ки ба Ӯ паноҳ мебаранд!+

## ТАРОНАИ СЕЮМ

## Умед бастан ба мадади Худо.

1 Таронаи Довуд, вақте ки аз писари худ Абшолӯм гурехт+.
2 Худовандо! Адуёнам чӣ қадар зиёд шудаанд!
Бисьёр касон бар зидди ман қиём мекунанд;+
3 Бисьёр касон дар ҳаққи ман мегӯянд:
«Ӯро дар Худо наҷот нест». Село*+.
4 Валекин Ту, эй Худованд, сипаре дар гирди ман,
ҷалоли ман ва афрозандаи сари ман ҳастӣ+.
5 Овозам Худовандро мехонад,
ва Ӯ аз кӯҳи муқаддаси Худ маро иҷобат менамояд. Село+.
6 Ман дароз мекашам, хоб меравам ва мехезам,
зеро ки Худованд ба ман мадад мекунад+.
7 Аз беварҳои мардум, ки маро муҳосира кардаанд, наметарсам+.
8 Бархез, эй Худованд! Маро наҷот дех, эй Худои ман!
Зеро ки Ту ҳамаи душманонамро торсакӣ мезанӣ,
дандонҳои шариронро мешиканӣ+.
9 Наҷот аз Худованд аст.
Баракати Ту бар қавми Туст. Село+.

## ТАРОНАИ ЧОРУМ

## Дуои шоми Довуд, ки пур аз имон ба мадади Худо мебошад.

1 Барои сардори муғанниён бар созҳои торнок. Таронаи Довуд+.
2 Вақте ки Туро мехонам, маро иҷобат намо, эй Худои адли ман!
Дар тангӣ маро вусъат додаӣ.
Ба ман марҳамат намо ва дуоямро бишнав+.
3 Эй фарзандони инсон! То ба кай ҷалолам дар нанг хоҳад буд?
Ва гапҳои хушкухолиро дӯст дошта, толиби кизб хоҳед буд? Село.
4 Вале бидонед, ки Худованд порсоёнро барои Худ ҷудо кардааст;
Худованд мешунавад, вақте ки Ӯро мехонам+.
5 Музтариб шуда, хато накунед:
бар бистарҳои худ дар дилҳотон андеша кунед ва сокит бошед. Село.
6 Қурбониҳои адолатро тақдим намоед,
ва ба Худованд таваккал кунед+.
7 Бисьёр касон мегӯянд: «Кӣ ба мо некӯиро нишон медиҳад?»
Нури рӯи Худро ба мо зоҳир намо, эй Худованд!+
8 Ба дилам шодӣ бахшидаӣ
аз он вақте ки ғаллаи онҳо ва оби ангури онҳо афзудааст.
9 Ба саломатӣ дароз мекашам ва хоб меравам,
зеро ки танҳо Ту, эй Худованд, маро дар осудагӣ сокин мегардонӣ+.

## ТАРОНАИ ПАНҶУМ

### Дуои субҳи Довуд, ки пур аз умедворӣ ба мадади Худо мебошад.

1 Барои сардори муғанниён бар созҳои нафасӣ. Таронаи Довуд.
2 Ба суханонам, эй Худованд,
гӯш андоз, андешаҳоямро бифаҳм.
3 Овози истиғосаамро бишнав, эй Подшоҳи ман
ва Худои ман!
Зеро ки ба Ту дуо мегӯям+.
4 Худовандо! Саҳаргоҳон овозамро бишнав, —
саҳаргоҳон пеши Ту ҳозир мешавам, ва интизорӣ мекашам,+
5 Зеро ки Ту Худои шароратхоҳ нестӣ:
назди Ту бадкеш сокин нахоҳад шуд;
6 Лофакиён пеши назари Ту нахоҳанд истод:
аз ҳамаи бадкирдорон нафрат дорӣ+.
7 Дурӯғгӯёнро нобуд хоҳӣ кард;
Худованд аз хунхӯр ва маккор кароҳат дорад+.
8 Валекин ман, аз бисьёрии эҳсони Ту, ба хонаи Ту дохил хоҳам шуд,
ва бо тарси Ту ба қасри қудси Ту саҷда хоҳам кард+.
9 Худовандо! Ба ман, бар хилофи иродаи мухолифонам, дар адолати
худ роҳнамо шав;
роҳи Худро пеши ман ҳамвор кун.
10 Зеро ки дар даҳони онҳо гапи дуруст нест:
ботинашон харобист,
гулӯяшон қабри кушода аст,
бо забонашон тамаллуқ мегӯянд+.
11 Онҳоро, эй Худованд, маҳкум намо,
то ки аз қасдҳои бади худ фурӯ ғалтанд;
ба сабаби ҷиноятҳои бисьёрашон онҳоро рад намо,
зеро ки бар зидди Ту ба шӯр омадаанд.
12 Ва ҳамаи паноҳбарони Ту хурсанд хоҳанд шуд
ва то абад таранннум хоҳанд кард,
ва Ту пуштибони онҳо хоҳӣ буд,
ва дӯстдорони исми Ту дар Ту шод хоҳанд шуд.

13 Зеро ки Ту, эй Худованд, одилро баракат медиҳӣ;
бо зиреҳи меҳрубонӣ ӯро фаро мегирӣ+.

## ТАРОНАИ ШАШУМ

## Дуои гуноҳкоре ки тавба кардааст.

1 Барои сардори муғанниён бар сози ҳашттор. Таронаи Довуд+.
2 Худовандо! Дар ғазаби Худ маро мазаммат накун,
ва дар хашми Худ маро ҷазо надеҳ+.
3 Ба ман марҳамат намо, эй Худованд, зеро ки ман афсурдаҳолам;
маро шифо бидеҳ, эй Худованд, зеро ки устухонҳоям ба ларза
омадааст;
4 Ҷонам низ хеле ба ларза омадааст;
пас Ту, эй Худованд, то ба кай+?
5 Баргард, эй Худованд, ҷонамро бираҳон,
ба хотири эҳсони Худ маро наҷот деҳ,
6 Зеро ки дар мамот зикри Ту нест:
дар гӯристон кӣ Туро ҳамд мегӯяд+?
7 Аз оҳу воҳи худ лакот шудаам;
тамоми шаб ҷогаҳамро ғарқи об мекунам:
бо ашки худ бистарамро тар мекунам.
8 Чашмам аз ғусса хаста шудааст, аз дасти ҳамаи
хасмҳоям оҷиз гардидааст+.
9 Аз ман дур шавед, эй ҳамаи бадкирдорон!
Зеро ки Худованд овози гирьяи маро шунидааст+.
10 Худованд истигосаи маро шунидааст;
Худованд дуои маро иҷобат хоҳад кард.
11 Бигзор ҳамаи душманонам шармсор ва бисьёр ҳаросон шаванд;
дар як он хиҷил шуда, баргарданд+.

## ТАРОНАИ ҲАФТУМ

## Худованд шариронро ҷазо медиҳад ва бегуноҳро мераҳонад.

1 Суруди ҷонсӯзе ки Довуд ба Худованд оид ба суханони Куши
Биньёминӣ хондааст.
2 Худовандо, Худои ман! Ба Ту паноҳ мебарам;
маро аз ҳамаи таъқибкунандагонам наҷот деҳ ва халос кун+.
3 Мабодо вай, монанди шер, ҷонамро бидаронад,
дар сурате ки халоскунандае набошад+.
4 Худовандо, Худои ман! Агар ин корро кардаам,
агар аз дастам ноинсофие ба амал омадааст,
5 Агар ба дӯстам бадӣ кардаам
ва хасмамро тиҳидаст рондаам, —+
6 Бигзор душман ҷонамро таъқиб намояд, ва маро дастгир кунад,
ва ҳаётамро ба замин яксон кунад,
ва ҷалоламро ба хок занад. Село.
7 Эй Худованд, дар ғазаби Худ бархез:
бар зидди бадхашмии хасмҳоям қиём кун,
барои ман ба доварие ки амр фармудаӣ, бедор шав.
8 Анбӯҳи қабилаҳо дар гирди Ту ҷамъ хоҳанд омад;
бар онҳо ба афроз баргард+.
9 Худованд қавмҳоро доварӣ хоҳад кард.
Маро, эй Худованд, аз рӯи адолатам ва аз рӯи беайбиам доварӣ
намо+.
10 Бигзор бадии шарирон хотима ёбад, ва одилро тақвият намо;
зеро ки Ту, эй Худои одил, имтиҳонкунандаи дилҳо ва ботинҳо
ҳастӣ+.
11 Сипари ман дар Худост,
ки Ӯ наҷотдиҳандаи ростдилон аст+.
12 Худо Довари одил аст,
ва Худо ҳар рӯз ғазабнок аст+.
13 Кас агар руҷӯъ накунад, Ӯ шамшери Худро тез мекунад,
камони Худро кашида, ба нишон мегирад;+
14 Барои вай олоти мамотро тайёр мекунад,
тирҳои Худро сӯзон мегардонад+.

15 Инак вай тухми бадиро кошт,
ба хабосат ҳомила шуд, ва кизбро зоид+.
16 Чуқурие канд, ва онро чуқур кард,
ва ба чоҳе ки канд, худаш фурӯ ғалтид+.
17 Хабосати вай бар сараш хоҳад баргашт,
ва зулми вай бар фарқаш хоҳад афтод.
18 Худовандро аз рӯи адолати Ӯ ҳамд мегӯям,
ва исми Худованди Таолоро месароям+.

## ТАРОНАИ ҲАШТУМ

## Мадҳ дар шаъни Офаридагор барои марҳамати Ӯ ва барои атои файз.

1 Барои сардори муғанниён бар сози Ҷот. Таронаи Довуд+.
2 Худовандо, Худои мо!
Чӣ қадар боҳашамат аст исми Ту дар тамоми замин!
Ту шукӯҳи Худро бар осмон паҳн кардаӣ!+
3 Аз даҳони кӯдакон ва ширмакон,
бар хилофи хасмҳои Худ, ҳамдро ба вуҷуд овардаӣ,
то ки душман ва интиқомҷӯйро хомӯш гардонӣ.
4 Вақте ки ба осмони Ту менигарам, ки санъи ангуштони Туст,
ва ба моҳ ва ситорагоне ки Ту офаридаӣ, —
5 Пас чист инсон, ки ӯро ёд кунӣ,
ва фарзанди одам, ки ӯро тафаққуд намоӣ+?
6 Ӯро аз фариштагон фақат андак кам кардаӣ;
ва тоҷи ҷалол ва шавкат бар сари ӯ гузоштаӣ;
7 Ӯро бар аъмоли дастҳои Худ ҳукмфармо кардаӣ;
ҳама чизро зери пои ӯ гузоштаӣ:+
8 Ҳамаи гӯсфандон ва говонро,
ҳамчунин ҳайвонҳои саҳроро,
9 Мурғони осмон ва моҳиёни баҳрро,
ҳар чиро, ки бо роҳҳои баҳр гузар мекунад.
10 Худовандо, Худои мо!
Чӣ қадар боҳашамат аст исми Ту дар тамоми замин!

## ТАРОНАИ НӮҲУМ

## Суруди пурсурури Довуд баъд аз ғалаба бар душманон.

1 Барои сардори муғанниён бар мамоти Лабин. Таронаи Довуд.
2 Худовандро бо тамоми дилам ҳамд хоҳам гуфт;
ҳамаи корҳои аҷоиби Туро ҳикоят хоҳам кард+.
3 Дар Ту шодӣ ва хурсандӣ хоҳам кард,
исми Туро, эй Ҳаққи Таоло, хоҳам сароид+.
4 Вақте ки душманонам ба ақиб баргарданд,
пешпо хӯрда, аз пеши Ту нест хоҳанд шуд,
5 Зеро ки Ту доварӣ ва мурофиаи маро ба амал овардаӣ;
Ту, эй Довари одил, бар тахт нишастаӣ+.
6 Ту бар қавмҳо итоб намудаӣ, шарирро нест кардаӣ,
номи онҳоро маҳв намудаӣ то абад+.
7 Душман барҳам хӯрда,
ба сурати абадӣ хонавайрон гардидааст;
шаҳрҳояшро бе беху буньёд кардаӣ, зикрашон нест шудааст.
8 Валекин Худованд то абад қоим аст;
Ӯ тахти Худро барои доварӣ барқарор кардааст,+
9 Ва Ӯ дуньёро аз рӯи инсоф доварӣ хоҳад кард,
қабилаҳоро аз рӯи ростӣ додгарӣ хоҳад намуд+.
10 Ва Худованд паноҳгоҳи мазлумон хоҳад буд,
паноҳгоҳ дар лаҳзаҳои тангӣ+.
11 Ва орифони исми Ту ба Ту таваккал хоҳанд кард,
чунки Ту, эй Худованд, толибони Худро тарк намекунӣ+.
12 Худовандро, ки бар Сион сокин аст, бисароед,
корномаҳои Ӯро дар миёни қавмҳо шӯҳрат диҳед.
13 Зеро ки Ӯ подоши хунҳоро металабад,
онҳоро дар хотир дорад, фиғони мазлумонро фаромӯш намекунад.
14 Ба ман марҳамат намо, эй Худованд;
ба мусибате ки аз дасти бадхоҳонам мекашам, назар андоз,
ки Ту маро аз дарвозаи мамот баланд бардоштаӣ,+
15 Барои он ки тамоми ҳамду санои Туро баён намоям:
дар наҷоти Ту хурсандӣ хоҳам кард+.
16 Халқҳо ба чоҳе ки канда буданд, фурӯ ғалтиданд;

дар доме ки ниҳон карда буданд, пои худашон андармон шуд+.
17 Худованд ба василаи доварие ки кард, шӯҳрат меёбад:
шарир ба доме афтод, ки бо кафҳои худ сохта буд. Ҳиҷҷойӯн*. Село+.
18 Шарирон ба дӯзах хоҳанд рафт,
яъне ҳамаи халқҳое ки Худоро фаромӯш мекунанд+.
19 Зеро ки мискин ба сурати абадӣ фаромӯш нахоҳад шуд,
ва умеди камбағалон то ба охир барбод нахоҳад рафт.
20 Бархез, эй Худованд, то ки одамизод густох набошад,
ва халқҳо пеши Ту маҳкум гарданд.
21 Онҳоро, эй Худованд, ба ҳарос андоз,
то халқҳо бидонанд, ки онҳо фақат одамизод ҳастанд. Село.

## Дуо дар бораи наҷот додан аз душманон ва умед бастан ба мадади Худо.

22 Чаро, эй Худованд, дур меистӣ?
Ва дар вақти тангӣ Худро пинҳон медорӣ+?
23 Шарир дар ғурури худ камбағалро таъқиб мекунад;
кошки худашон ба найрангҳое ки андешидаанд, гирифтор шаванд!
24 Зеро ки шарир бо ҳирси нафси худ меболад,
ва тамаъкор ба Худованд беэътиноӣ мекунад.
25 Шарир дар такаббури худ мегӯяд: «Ӯ бозхост нахоҳад кард»;
тамоми хаёли вай ин аст, ки «Худо нест»+.
26 Роҳҳои вай ҳама вақт бомуваффақият аст;
довариҳои Ту аз вай бағоят дур аст;
ба ҳамаи хасмҳои худ беэътиноӣ мекунад;
27 Дар дили худ мегӯяд: «Фурӯ нахоҳам ғалтид;
ҳаргиз бадие нахоҳам дид»+.
28 Даҳони вай аз лаънат, макр ва фиреб пур аст;
дар зери забонаш бадӣ ва хабосат аст+.
29 Дар пушти работҳо камин мегирад;
дар ҷойҳои ниҳонӣ бегуноҳро мекушад;
чашмонаш аз паи бечора мепояд+.
30 Дар ҷои ниҳонӣ, мисли шер дар лонаи худ, камин мегирад;
барои қапидани камбағал камин мегирад,
ва камбағалро қапида, ба доми худ мекашад;+
31 Ба зону нишаста, хам мешавад, —

ва бечорагон ба чанголи пурзӯри вай меафтанд.
32 Дар дили худ мегӯяд: «Худо фаромӯш кардааст,
рӯи Худро пӯшидааст, ҳаргиз нахоҳад дид»+.
33 Эй Худованд, бархез! Эй Худо, дасти Худро бардор,
ҳалимонро фаромӯш накун.
34 Чаро шарир ба Худо беэътиноӣ карда,
дар дили худ мегӯяд: «Ту бозхост нахоҳӣ кард»?
35 Ту мебинӣ, зеро ки Ту ба азоб ва кулфат менигарӣ, то ки бо дасти
Худ сазо диҳӣ.
Бечора худро ба Ту месупорад;
мададгори ятим Ту ҳастӣ+.
36 Бозуи шарир ва бадкешро бишкан,
ба тавре ки агар шарораташро ҷустуҷӯ намоӣ, ёфт нашавад+.
37 Худованд подшоҳ аст то абад;
мағрурон аз замини Ӯ нест хоҳанд шуд+.
38 Худовандо! Орзуи ҳалимонро шунидаӣ;
дили онҳоро қавӣ гардон; гӯшатро бикшо,
39 То ки ятим ва мазлумро дар доварӣ ҳимоят намоӣ,
ва одаме ки аз хок аст, дигар онҳоро натарсонад+.

# ТАРОНАИ ДАҲУМ

## Худованд одилонро дӯст медорад ва аз шарирон нафрат дорад.

1 Барои сардори муғанниён. Таронаи Довуд.
Ба Худованд паноҳ мебарам;
чӣ гуна шумо ба ҷонам мегӯед: «Мисли мурғе ба кӯҳи худ бигрез»+?
2 Зеро инак шарирон камонро кашидаанд,
тири худро ба зеҳи он гузоштаанд,
то ки дар торикӣ ба ростдилон биандозанд+.
3 Дар сурате ки буньёдҳо вайрон шудааст,
одил чӣ кор карда метавонад+?
4 Худованд дар қасри қудси Худ сокин аст;
тахти Худованд дар осмон аст;
чашмони Ӯ менигарад, пилкҳои Ӯ банӣ-одамро имтиҳон мекунад+.
5 Худованд одилро имтиҳон мекунад, вале аз шарир ва дӯстдори хабосат ҷони Ӯ нафрат дорад+.
6 Бар шарирон ахгарҳо,
оташ ва кибрит хоҳад боронид, ва боди самум ҳиссаи косаи онҳо хоҳад шуд+.
7 Зеро ки Худованд одил аст, адолатро дӯст медорад;
рӯи Ӯ ба росткор нигаронида шудааст+.

## ТАРОНАИ ЁЗДАҲУМ

### Дуо дар бораи наҷот додани одилон аз дасти шарирон.

1 Барои сардори муғанниён бар сози ҳашттор. Таронаи Довуд.
2 Наҷот деҳ, эй Худованд, зеро ки порсо боқӣ намондааст;
зеро ки аз миёни банӣ-одам аминон нест шудаанд+.
3 Ҳар яке ба ёри худ суханони ботил мегӯяд;
лабони пуртамаллуқ аз дили мунофиқ сухан меронанд+.
4 Худованд ҳамаи лабони пуртамаллуқро нест хоҳад кард,
ва ҳар забонеро, ки ҳавобаландона сухан меронад,
5 Яъне онҳоеро, ки мегӯянд: «Бо забони худ зӯр мебароем,
лабони мо бо мост; кист, ки бар мо оға бошад?»
6 Аз боиси тороҷи камбағалон ва оҳу фиғони мискинон алҳол қиём мекунам,
мегӯяд Худованд, ва он касеро, ки гирифтори доми найранг аст, наҷот медиҳам.
7 Суханони Худованд суханони покиза аст, нуқраест,
ки дар кӯра аз хок тоза карда ва ҳафт карат гудохта шудааст+.
8 Ту, эй Худованд, онҳоро нигаҳбонӣ хоҳӣ кард,
аз ин насл то абад муҳофизат хоҳӣ намуд.
9 Шарирон дарбадар гардиш хоҳанд кард,
вақте ки одамони залил баланд мешаванд.

## ТАРОНАИ ДУВОЗДАҲУМ

## Андӯҳ дар бораи даранг кардани мадади Худо.

1 Барои сардори муғанниён. Таронаи Довуд.
2 То ба кай, эй Худованд, маро доим фаромӯш мекунӣ?
То ба кай рӯи Худро аз ман пинҳон медорӣ+?
3 То ба кай дар ҷонам андешаҳои ҳузнангез
ва дар дилам ҳар рӯз ғаму ғусса дошта бошам?
То ба кай душманам бар ман дастболо бошад?
4 Назар афканда, маро иҷобат намо, эй Худованд Худои ман!
Чашмонамро равшан бикун, ки мабодо хоби марг равам;+
5 Мабодо душманам гӯяд: «Аз вай зӯр баромадам»;
ва адуёнам шодӣ кунанд, вақте ки ман фурӯ ғалтам+.
6 Валекин ман ба эҳсони Ту таваккал менамоям;
дилам дар наҷоти Ту шодӣ мекунад;
дар шаъни Худованд суруд мехонам,
зеро ки Ӯ ба ман таваҷҷӯҳ намудааст+.

## ТАРОНАИ СЕЗДАҲУМ

### Нокасии шарирон.

### Ваъдаи халосӣ ба баргузидагон.

1 •Барои сардори муғанниён. Таронаи Довуд.
Нокас дар дили худ гуфт: «Худо нест».
Онҳо фосид шудаанд, корҳои зишт кардаанд;
некӯкоре нест+.
2 Худованд аз осмон ба банӣ-одам назар андохт,
то бубинад, ки оё касе соҳибфаҳм ва толиби Худо ҳаст+?
3 Ҳама рӯй тофтаанд, бо ҳамдигар фосиқ шудаанд;
некӯкоре нест, як нафар ҳам нест+.
4 Оё ҳамаи бадкирдорон фаҳм намекунанд,
ки қавми маро мехӯранд, чунон ки нон мехӯранд?
Худовандро нахондаанд+.
5 Он вақт сахт ҳаросон шуданд,
зеро ки Худованд дар насли одилон зоҳир гардидааст.
6 Шумо рои ҳалимонро тамасхур кардед,
аммо Худованд пуштибони онҳост.
7 Кошки наҷоти Исроил аз Сион ба амал ояд!
Вақте ки Худованд асирони қавми Худро баргардонад,
Яъқуб хурсанд ва Исроил шод хоҳад шуд.

## ТАРОНАИ ЧОРДАҲУМ

### Некӯкории баргузидагон.

1 Таронаи Довуд.
Худовандо! Кист, ки дар хаймаи Ту иқомат намояд?
Кист, ки дар кӯҳи муқаддаси Ту сокин шавад+?
2 Касе ки дар рафтораш беайб бошад, ва аз рӯи адолат амал кунад,
ва дар дили худ ростгӯй бошад;+
3 Бо забони худ бӯҳтон назанад, ба ёри худ бадӣ накунад,
ва ақрабои худро таҳқир нанамояд;+
4 Манфур дар назараш разил бошад,
валекин тарсгорони Худовандро иззат кунад;
қасамаш ба зарари худаш бошад ҳам, онро тағьир надиҳад;+
5 Пули худро ба фоида надиҳад,
ва бар зидди бегуноҳ ришва нагирад, —
касе ки чунин рафтор мекунад, то абад фурӯ нахоҳад ғалтид+.

# ТАРОНАИ ПОНЗДАҲУМ

## Дуои Довуд дар бораи он ки Худованд ӯро дар миёни баргузидагон маҳфуз дорад ва сазовори ҳаёти ҷовидонӣ гардонад.

1 Суруди Довуд.
Маро нигаҳбонӣ намо, эй Худо, зеро ки ба Ту паноҳ мебарам.
2 Ба Худованд гуфтам: Ту Худованди ман ҳастӣ;
некӯӣ барои ман ҷуз аз Ту нест+.
3 Ба муқаддасон низ, ки дар мамлакат ҳастанд,
ва ба нерумандон — тамоми иштиёқи ман дар онҳост.
4 Кулфатҳои онҳое ки худои дигареро мепарастанд, афзун хоҳад шуд;
қурбониҳои рехтании хунини онҳоро нахоҳам рехт,
ва номҳои онҳоро ба забон нахоҳам овард+.
5 Худованд ҳиссаи насибаи ман ва косаи ман аст;
Ту қуръаи маро нигоҳ доштаӣ+.
6 Марзаҳои ман ба мақомҳои хуш афтодааст,
ва мероси зебое ба ман расидааст.
7 Худовандро муборак мехонам, ки Ӯ маро ҳидоят намудааст;
шабҳо низ ботинам маро меомӯзад.
8 Ҳамеша Худовандро пеши назари худ мебинам,
зеро ки Ӯ ба ямини ман аст; фурӯ нахоҳам ғалтид+.
9 Ба ин сабаб дилам шод шуд, ва рӯҳам ба ваҷд омад;
ҷисмам низ дар осудагӣ сокин хоҳад шуд;
10 Зеро ки Ту ҷони маро дар дӯзах нахоҳӣ андохт;
нахоҳӣ гузошт, ки Куддуси Ту фаноро бубинад+.
11 Тариқи ҳаётро ба ман биомӯз:
камоли шодиҳо ба ҳузури Туст,
ва хушиҳо ба ямини Туст то абад+.

## ТАРОНАИ ШОНЗДАҲУМ

### Дуо дар бораи халосӣ додан аз душманон.

1 Дуои Довуд.
Эй Худованд, адолатро бишнав, тазаррӯи маро иҷобат намо,
ба дуои ман, ки аз лабони бемакр берун меояд, гӯш андоз+.
2 Бигзор ҳукмномаи ман аз ҳузури Ту бароял:
чашмони Ту ростбин аст.
3 Диламро имтиҳон кардӣ, шабона тафаққуд намудӣ,
маро озмудӣ, ва чизе наёфтӣ:
андешаи баде надорам, ки ба забон оварда натавонам+.
4 Дар амалиёти инсонӣ, мувофиқи каломи лабони Ту,
худро аз роҳҳои золим нигоҳ доштам.
5 Қадамҳоямро дар роҳҳои Худ қоим гардон,
то ки пойҳоям налағҷад+.
6 Ман Туро мехонам, зеро ки Ту, эй Худо, маро иҷобат менамоӣ;
гӯши Худро сӯи ман хам намо ва суханамро бишнав.
7 Эҳсонҳои аҷоиби Худро бинамо,
эй Наҷотдиҳандаи паноҳбарон аз онҳое
ки бар зидди ямини Ту қиём мекунанд+.
8 Ҳамчун гавҳараки чашм маро нигаҳбонӣ намо;
дар сояи болҳои Худ маро пинҳон бикун+
9 Аз шарироне ки ба ман ситам мекунанд, —
аз душманони қасди ҷонам, ки маро иҳота менамоянд.
10 Амъояшон чарбу баста,
даҳонашон суханони мағрурона мегӯяд+.
11 Дар ҳар қадамамон алҳол моро иҳота мекунанд;
чашмони худро дӯхтаанд, то ки маро ба замин ғалтонанд;
12 Вай мисли шерест, ки ба даридан ҳарис бошад,
ва мисли шери ҷавонест, ки дар камингоҳ нишаста бошад+.
13 Бархез, эй Худованд, аз вай пешдастӣ карда,
варо мағлуб намо, ҷонамро аз шарир бо шамшерат бираҳон,
14 Яъне аз сафилон бо дасти Худ, эй Худованд;
аз сафилони дунъё, ки аз ин зиндагӣ баҳрамананд,
ва ганҷинаи Ту шиками онҳоро пур мекунад;

фарзандҳошон низ сер шуда,
бақияи онро ба бачагони худ мемонанд.
15 Ман дар адолат рӯи Туро хоҳам дид;
чун бедор шавам, аз сурати Ту сер хоҳам шуд+.

## ТАРОНАИ ҲАФДАҲУМ

## Суруди ҳамду сано дар шаъни Худо, ки Наҷотдиҳанда аз ҳамаи душманон мебошад.

1 •Барои сардори муғанниён. Суруди бандаи Худованд Довуд, ки
суханони ин сурудро ба Худованд гуфт, дар рӯзе ки Худованд ӯро аз
панҷаи ҳамаи душманонаш ва аз дасти Шоул халос кард. Ва ӯ гуфт:
2 Туро, эй Худованд, эй қуввати ман, дӯст медорам!+
3 Худованд сахраи ман аст, ва қалъаи ман,
ва раҳокунандаи ман;
Худои ман кӯҳпораи ман аст; ба Ӯ паноҳ мебарам;
Ӯ сипари ман аст, ва шохи наҷоти ман, ва паноҳгоҳи ман+.
4 Худовандро мамдӯҳ хоҳам хонд,
ва аз душманонам наҷот хоҳам ёфт+.
5 Камандҳои мамот бар ман печида буд,
ва селобҳои мӯҳлик маро ба ҳарос андохта буд;+
6 Азобҳои гӯр маро иҳота карда буд,
домҳои мамот пеши роҳи маро гирифта буд+.
7 Дар тангии худ Худовандро хондам,
ва ба Худои худ истиғоса бурдам.
Овозамро аз қасри Худ шунид,
ва истиғосае ки пеши Ӯ бурдам, ба гӯшаш расид+.
8 Ва замин ба зилзила ва раъша омад,
ва пояҳои кӯҳҳо биларзид ва биҷунбид,
зеро ки Ӯ дарғазаб шуд;+
9 Аз димоғи Ӯ дуд баромад,
ва аз даҳонаш оташи оламсӯз;
ахгарҳои сӯзон аз Ӯ пайдо шуд+.
10 Ва осмонро хамонида, нузул кард,
ва абри сиёҳ зери пойҳои Ӯ буд+.
11 Ва бар каррубӣ савор шуда, парид,
ва бар болҳои бод парвоз кард+.
12 Торикиро пардаи Худ,
хаймаи гирдогирди Худ бисохт,

ки торикии обҳо ва абрҳои осмон буд+.
13 Аз дурахшонӣ пеши Ӯ абрҳояш мешитофтанд,
бо жола ва ахгарҳои оташ+.
14 Ва Худованд дар осмон гулдуррос зад,
ва Ҳаққи Таоло овози Худро бидод,
бо жола ва ахгарҳои оташ+.
15 Ва тирҳои Худро фиристода, онҳоро пароканда намуд,
ва барқҳо андохта, онҳоро ҳаросон кард+.
16 Ва маҷроҳои об намудор шуд,
ва пояҳои дунъё аз итоби Ту, эй Худованд,
аз вазиши боди димоғи Ту ошкор гардид+.
17 Аз афроз дасти ёрӣ дароз карда, маро баргирифт,
аз обҳои бисьёр маро берун кашид;+
18 Аз душмани пурзӯрам ва аз бадхоҳонам,
ки аз ман тавонотар буданд, маро халос кард+.
19 Дар рӯзи мусибатам бар ман пешдастӣ карданд,
валекин Худованд муттакои ман буд.
20 Ва маро ба вусъатобод баровард, маро раҳо кард,
зеро ки ҳусни таваҷҷӯҳи Ӯ бар ман аст+.
21 Худованд аз рӯи адолатам маро мукофот кард,
мувофиқи покии дастҳоям ба ман подош дод,+
22 Зеро ки роҳҳои Худовандро нигоҳ доштаам,
ва аз пеши Худои худ ба шарорат дода нашудаам;
23 Зеро ки ҳамаи дастурҳои Ӯ пеши назари ман аст,
ва фароизи Ӯро аз худам дур накардаам.
24 Ва пеши Ӯ беайб будам,
ва ҳазар менамудам, ки гуноҳе накунам+.
25 Ва Худованд аз рӯи адолатам,
мувофиқи покии дастҳоям пеши чашмони Ӯ, ба ман подош дод.
26 Бо некӯкор Ту некӯкорона рафтор мекунӣ,
бо марди ростдил ростдилона,
27 Бо покдил — покдилона
ва бо каҷрав — каҷравона.
28 Зеро ки Ту мардуми ҳалимро наҷот медиҳӣ,
ва чашмони ҳавобаландро паст мекунӣ+.
29 Зеро ки Ту, эй Худованд, чароғи маро дармегиронӣ:

Худои ман торикии маро равшан мекунад;+
30 Зеро ки бо Ту ба қӯшуне тохт меоварам,
ва бо Худои худ аз ҳисорҳо ҷаста мегузарам.
31 Тариқи Худо комил аст,
сухани Худованд покиза аст;
Ӯ барои ҳамаи паноҳбарони Худ сипар аст+.
32 Зеро кист Худо, ҷуз аз Худованд?
Ва кист кӯҳпора, ғайр аз Худои мо+?
33 Худо камари маро бақувват мебандад,
ва роҳи маро рост мегардонад.
34 Пойҳои маро мисли оҳувон мегардонад,
ва бар баландиҳоям маро ба по мехезонад;+
35 Дастҳои маро ҷанг меомӯзад,
ва бозувонам камони мисинро ӯҳда карда метавонад+.
36 Ва сипари наҷоти Худро ба ман ато фармудаӣ,
ва ямини Ту маро дастгирӣ мекунад,
ва ҳилми Ту маро бузург мегардонад.
37 Қадами маро зери ман вусъат медиҳӣ,
ва пойҳоям намелағҷад.
38 Душманонамро таъқиб менамоям ва ба онҳо рафта мерасам,
ва то онҳоро маҳв накунам, барнамегардам;+
39 Онҳоро зада пахш мекунам, ва онҳо хеста наметавонанд;
зери пойҳои ман меафтанд;
40 Зеро ки камари маро барои ҳарбу зарб бақувват бастаӣ,
ва мухолифонамро зери поям андохтаӣ.
41 Душманонамро дар гурез андохтаӣ,
ва ман бадхоҳонамро маҳв мекунам:+
42 Онҳо истиғоса мебаранд, валекин наҷотдиҳандае нест;
Худовандро мехонанд, аммо Ӯ онҳоро иҷобат намекунад;+
43 Онҳоро чун ғуборе пеши бод соида пош медиҳам,
чун лои кӯчаҳо онҳоро поймол мекунам+.
44 Маро аз ҷангу ҷидоли қавм раҳо кардаӣ, сари халқҳо гардондаӣ;
қавме ки намешинохтамаш,
ба ман хизмат мекунад;+
45 Фақат овозаи маро шунида, ба ман тобеъ мешаванд;
аҳли ғайр ба ман тамаллуқ мегӯянд;+

46 Аҳли ғайр пажмурдаҳол мешаванд
ва аз истеҳкомоти худ бо тарсу ларз мебароянд+.
47 Худованд Ҳай аст, ва кӯҳпораи ман муборак аст,
ва Худои наҷоти ман сарафроз бод, —
48 Худое ки интиқоми маро мегирад
ва қавмҳоро зердасти ман мегардонад+.
49 Маро аз душманонам раҳо кардаӣ,
аз мухолифонам баланд бардоштаӣ,
аз золим халосӣ додаӣ.
50 Бинобар ин Туро, эй Худованд,
дар миёни халқҳо ҳамду сано хоҳам гуфт
ва исми Туро хоҳам сароид+.
51 Ӯ ба подшоҳи Худ зафарҳои бузурге мебахшад,
ва ба масеҳи Худ эҳсон мекунад,
яъне ба Довуд ва ба зурьёти вай то абад+.

## ТАРОНАИ ҲАЖДАҲУМ

## Тамоми дунъё ҷалол, кибриё ва адолати Худоро эълон менамояд.

1 Барои сардори муғанниён. Таронаи Довуд.
2 Осмонҳо ҷалоли Худоро эълон мекунанд,
ва фалак аз амали дастҳои Ӯ хабар медиҳад+.
3 Рӯз бо рӯз сухан мегӯяд,
ва шаб бо шаб фикр изҳор мекунад.
4 На гуфтор аст, на сухан;
овози онҳо ба гӯш намерасад.
5 Садои онҳо ба тамоми замин меравад,
ва каломи онҳо то ақсои дунъё.
Дар онҳо Ӯ барои офтоб хаймае барпо намудааст,+
6 Ва он мисли домод аз ҳаҷлаи худ берун меояд,
мисли паҳлавон аз тай кардани роҳаш шод мешавад:+
7 Баромадани он аз як канори осмон аст,
ва гардиши он то канори дигар аст,
ва ҳеҷ чиз аз гармии он пинҳон нест.
8 Тавроти Худованд комил аст, ба кас ҷон мебахшад;
шаҳодати Худованд боэътимод аст, нодонро доно мегардонад+.
9 Фармудҳои Худованд ҳақ аст, дилро шод мекунад;
аҳкоми Худованд равшан аст, чашмро мунаввар месозад+.
10 Тарси Худованд пок аст, то абад мемонад.
Дастурҳои Худованд рост аст, ҳамааш ҳаққонист;+
11 Аз тилло ва аз зари холиси бисьёр марғубтар аст,
ва аз асал ва қатраҳои шираи орухона ширинтар аст+.
12 Бандаи Ту низ дар онҳо эҳтиёт мешавад:
дар риояи онҳо подоши бузурге ҳаст.
13 Кист, ки саҳвҳоро фаҳмида тавонад?
Маро аз хатоҳои пӯшидаам пок намо,
14 Аз бадқасдон низ бандаи Худро нигоҳ дор,
то ки бар ман ҳукмфармо нашаванд.
Он гоҳ ман беайб ва аз ҷинояти азим пок хоҳам буд+.
15 Бигзор суханони даҳонам

ва андешаи дилам писандидаи Ту бошад,
эй Худованд, ки кӯҳпораи ман ва раҳокунандаи ман ҳастӣ!+

## ТАРОНАИ НУЗДАҲУМ

## Дуо дар бораи баракат.

1 Барои сардори муғанниён. Таронаи Довуд.
2 Бигзор туро Худованд дар рӯзи тангӣ иҷобат намояд,
исми Худои Яъқуб паноҳгоҳи ту бошад;+
3 Аз қудс ба ту мадад фиристад,
ва аз Сион ба ту ёварӣ намояд;+
4 Ҳамаи ҳадияҳои туро ба ёд оварад,
ва қурбонии сӯхтании туро бо ризомандӣ қабул кунад. Село.
5 Бигзор муроди дилатро ба ту ато фармояд,
ва ҳамаи нақшаҳоятро ба иҷро расонад+.
6 Ба наҷоти ту тараннум менамоем,
ва ба исми Худои худ байрақ мебардорем.
Худованд ҳамаи талабҳоятро ба иҷро расонад.
7 Ҳоло донистаам, ки Худованд масеҳи Худро наҷот медиҳад;
аз афлоки қудси Худ бо қудрати наҷотбахши
ямини Худ ӯро иҷобат менамояд.
8 Баъзеҳо аробаҳоро ва баъзеҳо аспҳоро,
вале мо исми Худованд Худои худро зикр менамоем;+
9 Онҳо мағлуб шуда, афтодаанд,
вале мо бархоста, рост истодаем.
10 Худовандо! Подшоҳро наҷот деҳ,
ва дар рӯзе ки бихонем, моро иҷобат намо.

## ТАРОНАИ БИСТУМ

## Дуои шукрона барои наҷот.

1 Барои сардори муғанниён. Таронаи Довуд.
2 Худовандо, аз қуввати Ту подшоҳ хурсандӣ мекунад,
ва аз наҷоти Ту бисьёр шод мешавад+.
3 Муроди дилашро ба ӯ ато фармудаӣ,
ва талабҳои лабонашро рад накардаӣ. Село+.
4 Зеро ки ӯро бо баракатҳои хайрхоҳӣ пешвоз гирифтаӣ,
тоҷе аз зари холис бар сари ӯ гузоштаӣ.
5 Аз Ту ҳаёт пурсид,
ба ӯ умри дароз бахшидаӣ то абад+.
6 Ҷалоли ӯ дар наҷоти Ту бузург аст;
шукӯҳ ва шавкат бар ӯ овардаӣ.
7 Зеро ки баракатҳо то абад бар ӯ ниҳодаӣ,
бо шодии рӯи Худ ӯро шод кардаӣ;
8 Зеро ки подшоҳ ба Худованд таваккал мекунад,
ва бо эҳсони Ҳаққи Таоло фурӯ нахоҳад ғалтид+.
9 Дасти Ту ҳамаи душманонатро хоҳад ёфт,
ямини Ту бадхоҳонатро хоҳад ёфт.
10 Дар вақти хашми Худ онҳоро мисли танӯри оташ хоҳӣ кард;
Худованд дар ғазаби Худ онҳоро фурӯ хоҳад бурд,
ва оташ онҳоро хоҳад хӯрд+.
11 Самари онҳоро аз замин маҳв хоҳӣ кард,
ва зурьёти онҳоро аз миёни банӣ-одам+.
12 Вақте ки онҳо қасди бадӣ бар Ту карданд,
ва дасисаҳо андешиданд,
онро натавонистанд ба амал оваранд.
13 Онҳоро водор хоҳӣ кард, ки пушт гардонанд;
зеҳҳои камони Худро ба рӯи онҳо хоҳӣ кашид+.
14 Дар қуввати Худ, эй Худованд, сарафроз бош:
қудрати Туро тараннум хоҳем кард ва хоҳем сароид.

## ТАРОНАИ БИСТУ ЯКУМ

## Таронаи пайғамбаронаи Довуд дар бораи азобу уқубати Исо, ҷалоли Ӯ ва дар бораи хизмати абадии баргузидагон барои Ӯ.

1 Барои сардори муғанниён. Дар шаъни шафақи субҳ. Таронаи
Довуд.
2 Худои ман! Худои ман! Чаро маро тарк кардаӣ?
Аз наҷотам ва аз суханони фиғонам дур ҳастӣ+.
3 Эй Худои ман! Рӯзона мехонам, ва маро иҷобат намекунӣ,
шабона низ, ва маро оромӣ нест+.
4 Вале Ту, эй Қуддус,
бар ҳамду саноҳои Исроил нишастаӣ.
5 Падарони мо ба Ту таваккал мекарданд;
таваккал мекарданд, ва онҳоро раҳоӣ медодӣ;
6 Сӯи Ту фарьёд мекашиданд ва халосӣ меёфтанд;
ба Ту таваккал мекарданд ва хиҷил намешуданд+.
7 Валекин ман кирм ҳастам, ва на одамизод;
нанги мардумон ҳастам ва нафратзадаи қавм+.
8 Ҳар кӣ маро бинад, тамасхур мекунад;
лаб мекушоянд, сар меҷунбонанд:+
9 «Ба Худованд таваккал карда буд, ӯро раҳо кунад;
агар дилхоҳаш бошад, ӯро наҷот диҳад».
10 Аммо Ту маро аз шикам берун овардаӣ,
бар пистони модарам эмин доштаӣ+.
11 Аз батн бар Ту партофта шудаам;
аз шиками модарам Ту Худои ман ҳастӣ.
12 Аз ман дур набош, зеро ки тангӣ наздик аст,
ва мададгоре нест+.
13 Говони бисьёре маро иҳота кардаанд,
говмешони Бошон даври маро гирифтаанд,+
14 Даҳони худро бар ман воз кардаанд,
мисли шере ки медарад ва наъра мезанад.
15 Мисли об пош хӯрдаам;
ҳамаи устухонҳоям аз ҳам ҷудо шудааст;
дилам чун мум гардида, андаруни амъоям гудохта шудааст+.

16 Қувватам мисли сафол хушкидааст,
забонам ба комам часпидааст,
ва маро бар хоки мамот ниҳодӣ.
17 Зеро ки сагон маро иҳота кардаанд;
тӯдаи бадкешон гирди маро ҳамчун шере гирифта,
дастҳо ва пойҳоямро маҷрӯҳ карданд+.
18 Ҳамаи устухонҳоямро мешуморам,
лекин онҳо тамошокунон аз ман ниҷор мегиранд+.
19 Сару либоси маро дар миёни худ тақсим мекунанд
ва бар пероҳани ман қуръа мепартоянд+.
20 Валекин Ту, эй Худованд, дур набош.
Эй қуввати ман, ба мадади ман шитоб кун.
21 Ҷонамро аз шамшер халос кун,
ягонаамро аз дасти сагон+.
22 Маро аз даҳони шер наҷот деҳ, ва иҷобат намуда,
аз шохҳои говони ваҳшӣ халос кун+.
23 Исми Туро ба бародаронам шӯҳрат хоҳам дод,
дар миёни ҷамоат Туро мадҳ хоҳам кард+.
24 Эй тарсгорони Худо, Ӯро мадҳ кунед!
Эй тамоми насли Яъқуб, Ӯро ҷалол диҳед!
Ва эй тамоми насли Исроил, аз Ӯ тарсон бошед!+
25 Зеро ки Ӯ мазлумияти камбағалро ҳақир ва хор намешуморад,
ва рӯи Худро аз вай пинҳон надошт,
балки, чун сӯи Ӯ истиғоса бурд, варо иҷобат намуд.
26 Ҳамду санои ман дар ҷамоати бузург аз Туст.
Назрҳоямро пеши тарсгорони Ӯ адо хоҳам кард+.
27 Бигзор ҳалимон бихӯранду сер шаванд;
толибони Худованд Ӯро мадҳ кунанд;
дилҳои шумо то абад зинда бод.
28 Тамоми ақсои замин Худовандро зикр намуда, сӯи Ӯ руҷӯъ хоҳанд кард,
ва ҳамаи қабилаҳои халқҳо пеши Ту саҷда хоҳанд кард,+
29 Зеро ки салтанат аз они Худованд аст,
ва Ӯ бар халқҳо ҳукмфармост+.
30 Ҳамаи танумандони замин хӯрда, саҷда хоҳанд кард;

ҳар кӣ ба хок мефурояд ва ҷони худро зинда карда наметавонад,
пеши Ӯ зону хоҳад зад.
31 Зурьёташон Ӯро ибодат хоҳанд намуд,
корномаҳои Худовандро ба насли баъдина ривоят хоҳанд кард;+
32 Онҳо омада, адолати Ӯро, ки ба амал овардааст,
ба қавме ки таваллуд хоҳад шуд, нақл хоҳанд кард+.

# ТАРОНАИ БИСТУ ДУЮМ

## Файзи Худо ва марҳамат ҳамеша ҳамроҳи баргузидагон мебошад.

1 Таронаи Довуд.
Худованд Чӯпони ман аст: ба ҳеҷ чиз мӯҳтоҷ нахоҳам шуд+.
2 Дар чарогоҳҳои сералаф маро мехобонад,
сӯи обҳои роҳатафзо маро мебарад,+
3 Ҷонамро қувват мебахшад,
ба хотири исми Худ маро
ба роҳҳои адолат равона мекунад+.
4 Дар водии зулмот роҳ равам ҳам,
аз бадӣ наметарсам, чунки Ту бо ман ҳастӣ;
асо ва чӯбдасти Ту маро тасаллӣ медиҳад+.
5 Суфрае барои ман пеши назари хасмҳоям андохтаӣ,
бо равған сарамро тадҳин намудаӣ;
косаи ман лабрез аст+.
6 Пас, некӯӣ ва эҳсон тамоми айёми умрам бо ман ҳамроҳӣ хоҳанд кард,
ва ман муддати дуру дароз дар хонаи Худованд сокин хоҳам буд.

## ТАРОНАИ БИСТУ СЕЮМ

## Тамоми дуньё аз они Худованд аст.

1 Таронаи Довуд.
Замин ва ҳар чӣ дар он аст, дуньё ва сокинони он аз они Худованд аст;+
2 Зеро ки Ӯ онро бар баҳрҳо буньёд кардааст
ва бар дарьёҳо барқарор намудааст+.
3 Кист, ки ба кӯҳи Худованд барояд,
ва кист, ки дар мақоми муқаддаси Ӯ биистад+?
4 Каси покизадаст ва покдил,
ки ҷонаш ба орзуҳои беҳуда нигаронида нашуда бошад,
ва қасами дурӯғ нахӯрда бошад, —+
5 Баракат аз Худованд
ва хайр аз Худои наҷотдиҳандаи худ хоҳад ёфт.
6 Ин аст насли толибони Ӯ,
толибони рӯи Ту, эй Худои Яъқуб! Село.
7 Эй дарвозаҳо, сарҳои худро баланд кунед!
Ва эй дарҳои қадим, бардошта шавед!
Подшоҳи ҷалол меояд!+
8 Кист ин Подшоҳи ҷалол? —
Худованди қодир ва ҷаббор,
Худованде ки дар ҷанг ҷаббор аст+.
9 Эй дарвозаҳо, сарҳои худро баланд кунед!
Ва эй дарҳои қадим, бардошта шавед!
Подшоҳи ҷалол меояд!
10 Кист Ӯ, ин Подшоҳи ҷалол? —
Худованди лашкарҳост,
ки Ӯ Подшоҳи ҷалол аст. Село+.

## ТАРОНАИ БИСТУ ЧОРУМ

## Дуо дар бораи роҳҳои ростии Худо ва дар бораи марҳамат ба баргузидагон.

1 Таронаи Довуд.
Сӯи Ту, эй Худованд, ҷонамро баланд мекунам+.
2 Эй Худои ман! Ба Ту таваккал кардаам,
хиҷил нахоҳам шуд,
душманонам бар ман тантана нахоҳанд кард;
3 Ҳамаи умедворони Ту низ хиҷил нахоҳанд шуд;
онҳое ки бесабаб хиёнат мекунанд, хиҷил хоҳанд шуд+.
4 Роҳҳои Худро, эй Худованд, ба ман маълум намо,
тариқҳои Худро ба ман таълим деҳ+.
5 Ба ростии Худ маро ҳидоят намо, ва маро таълим деҳ,
зеро ки Ту Худои наҷоти ман ҳастӣ;
ҳар рӯз ба Ту умедворам+.
6 Худовандо! Марҳаматҳо ва эҳсонҳои Худро
ба ёд ор,
зеро ки онҳо аз азал буданд+.
7 Хатоҳои ҷавонӣ ва ҷиноятҳои маро ба ёд наор;
аз рӯи эҳсони Худ Ту маро ёд кун,
ба хотири меҳрубонии Худ, эй Худованд!+
8 Худованд некӯ ва росткор аст,
бинобар ин ба хатокорон роҳ нишон медиҳад,
9 Ҳалимонро ба роҳи инсоф меандозад,
ва ба ҳалимон тариқи Худро таълим медиҳад.
10 Ҳамаи роҳҳои Худованд марҳамат ва ростист,
барои онҳое ки аҳди Ӯ ва шаҳодоти Ӯро риоя мекунанд.
11 Ба хотири исми Худ, эй Худованд,
гуноҳи маро биомурз, гарчанде ки бузург аст+.
12 Кист он касе ки аз Худованд метарсад?
Варо ӯ ба роҳе ки интихоб намудааст,
ҳидоят хоҳад кард.
13 Ҷони вай дар некӣ сокин хоҳад шуд,
ва зурьёти вай вориси замин хоҳанд буд+.

14 Сирри Худованд бо тарсгорони Ӯст,
ва аҳди Худро ба онҳо маълум мекунад.
15 Чашмонам ҳамеша сӯи Худованд аст,
зеро ки Ӯ пойҳои маро аз дом берун меоварад+.
16 Ба ман лутф намо, ва ба ман марҳамат намо,
зеро ки танҳо ва мискин ҳастам.
17 Ғуссаҳои дилам афзудааст;
маро аз мусибатҳоям берун ор;
18 Ба мискинӣ ва азоби ман назар кун,
ва ҳамаи хатоҳоямро биомурз.
19 Ба душманонам назар андоз, ки чӣ қадар бисьёр шудаанд,
ва чӣ гуна кинаи шадиде ба ман меварзанд.
20 Ҷонамро муҳофизат намо, ва маро халосӣ деҳ,
то хиҷил нашавам, зеро ки ба Ту паноҳ бурдаам.
21 Бигзор беайбӣ ва росткорӣ нигаҳбони ман бошанд,
зеро ки ба Ту умед мебандам.
22 Исроилро, эй Худованд,
аз ҳамаи тангиҳои вай раҳоӣ деҳ+.

## ТАРОНАИ БИСТУ ПАНҶУМ

## Дуо дар бораи наҷот додани бегуноҳон.

1 Таронаи Довуд. Маро дар доварӣ ҳимоят намо, эй Худованд,
зеро ки ман дар беайбии худ рафтор кардаам,
ва ба Худованд таваккал намудаам, пас пешпо нахоҳам хӯрд+.
2 Маро имтиҳон намо, эй Худованд, ва маро биозмой;
ботинам ва диламро бигудоз;+
3 Зеро ки эҳсони Ту пеши назари ман аст,
ва дар ростии Ту рафтор кардаам;+
4 Бо мардуми каҷрафтор нанишастаам,
ва бо риёкорон нахоҳам рафт;
5 Аз ҷамоати бадкешон нафрат дорам,
ва бо шарирон нахоҳам нишаст;+
6 Кафҳоямро ба покӣ хоҳам шуст,
ва гирди қурбонгоҳи Ту, эй Худованд, хоҳам гашт,+
7 То ки овози шукронаи худро бишнавонам,
ва ҳамаи корҳои аҷоиби Туро нақл намоям+.
8 Худовандо! Макони хонаи Туро дӯст медорам,
ва мақоми маскани ҷалоли Туро.
9 Ҷонамро бо хатокорон
ва ҳаётамро бо хунхӯрон нобуд накун,+
10 Ки дар дастҳошон фисқу фуҷур аст,
ва яминашон пур аз ришва+.
11 Валекин ман дар беайбии худ рафтор мекунам;
маро раҳоӣ деҳ ва ба ман марҳамат намо.
12 Поям дар ҷои ҳамвор истодааст;
дар ҷамъомадҳо Худовандро муборак хоҳам хонд.

## ТАРОНАИ БИСТУ ШАШУМ

## Умедворони Худованд аз душманон наметарсанд.

1 Таронаи Довуд.
Худованд нури ман ва наҷоти ман аст: аз кӣ тарсон бошам?
Худованд истеҳкоми ҷони ман аст: аз кӣ ҳаросон бошам+?
2 Вақте ки бадкешон ба ман наздик шуданд, то ки гӯшти маро
бихӯранд,
адуёнам ва душманонам худашон ноком шуда, афтоданд.
3 Агар дар муҳосираи душман бимонам,
дилам нахоҳад тарсид;
агар бар зидди ман корзор барпо шавад,
дар он сурат низ таваккал хоҳам кард+.
4 Як чизро аз Худованд пурсидаам, ва онро хоҳам талабид,
ки тамоми айёми умри худ дар хонаи Худованд сокин бошам,
шавкати Худовандро мушоҳида намоям
ва дар қасри Ӯ назорат кунам;+
5 Зеро ки маро дар рӯзи тира дар хаймаи Худ пинҳон хоҳад дошт,
дар паноҳи хиргоҳи Худ руст хоҳад кард,
бар кӯҳпора баланд хоҳад бардошт.
6 Ва алҳол сарам бар душманонам, ки гирди маро гирифтаанд, баланд
хоҳад шуд,
ва дар хаймаи Ӯ қурбониҳои шодиёна хоҳам овард,
дар шаъни Худованд суруд хоҳам хонд ва Ӯро хоҳам сароид+.
7 Худовандо! Маро, ки бо овози худ мехонам, бишнав,
ва ба ман марҳамат намо ва маро иҷобат бикун.
8 Дилам аз ҷониби Ту мегӯяд: «Ҷӯёи рӯи Ман бошед»;
ва ман, эй Худованд, ҷӯёи рӯи Ту хоҳам буд+.
9 Рӯи Худро аз ман пинҳон надор;
бандаи Худро дар ғазабат напартой;
Ту мададгори ман будӣ;
маро рад накун ва тарк накун,
эй Худои наҷоти ман!
10 Зеро ки падару модарам маро тарк кардаанд,
вале Худованд маро пазирой менамояд+.

11 Тариқи Худро, эй Худованд,
ба ман таълим деҳ, ва маро,
бар хилофи иродаи бадхоҳонам, ба роҳи рост андоз+.
12 Маро ба дасти адуёнам насупор,
зеро ки шоҳидони козиб
ва бадхоҳон бар ман қиём кардаанд+.
13 Лекин эътиқод доштам,
ки лутфи Худовандро дар замини зиндаҳо хоҳам дид+.
14 Ба Худованд умедвор бош,
матин бош, ва дилат қавӣ хоҳад шуд;
ба Худованд умедвор бош+.

## ТАРОНАИ БИСТУ ҲАФТУМ

### Дуо дар бораи мадади Худо ва шукрона барои марҳамати Ӯ.

1 Таронаи Довуд.
Сӯи Ту, эй Худованд, мехонам.
Эй кӯҳпораи ман, аз пешам хомӯш нагузар:
мабодо аз пешам хомӯш гузарӣ,
ва ман мисли фурӯравандагони гӯр гардам+.
2 Овози зориҳои маро бишнав,
вақте ки сӯи Ту истиғоса мебарам
ва дастҳои худро сӯи ҳарами муқаддаси Ту мебардорам+.
3 Маро бо шарирон ва бадкирдорон маҳв накун,
ки бо ёронашон дар бораи сулҳу осоиштагӣ сухан меронанд,
вале бадӣ дар дил доранд+.
4 Ба онҳо мувофиқи корҳошон, мувофиқи кирдорҳои бадашон мукофот деҳ;
мувофиқи аъмоли дастҳошон ба онҳо подош деҳ;
сазояшонро ба онҳо баргардон.
5 Азбаски ба корномаҳои Худо
ва ба аъмоли дастҳои Ӯ диққат намедиҳанд,
онҳоро хароб хоҳад кард ва бино нахоҳад намуд+.
6 Худованд муборак аст,
зеро ки овози зориҳои маро шунидааст.
7 Худованд қуввати ман ва сипари ман аст;
дилам ба Ӯ таваккал намуд, ва ман мадад ёфтам,
ва дилам шод шуд,
ва Ӯро бо суруди худ ҳамд хоҳам гуфт+.
8 Худованд қуввати қавми Худ
ва истеҳкоми наҷоти масеҳи Худ мебошад.
9 Қавми Худро наҷот деҳ ва мероси Худро баракат фармо;
онҳоро чӯпонӣ бикун ва барафроз то абад!+

## ТАРОНАИ БИСТУ ҲАШТУМ

## Кибриёи Худо дар раъду барқ аст.

1 Таронаи Довуд.
Худовандро васф гӯед, эй фарзандони Худо!
Дар шаъни Худованд васфи ҷалол ва қувватро бигӯед+.
2 Дар шаъни Худованд васфи ҷалоли исми Ӯро бигӯед;
ба Худованд дар шавкати қудсият саҷда кунед.
3 Овози Худованд бар обҳост;
Худои ҷалол гулдуррос мезанад;
Худованд болои обҳои бисьёр аст+.
4 Овози Худованд пурқувват аст;
овози Худованд пуршукӯҳ аст.
5 Овози Худованд арзҳоро мешиканад;
Худованд арзҳои Лубнонро мешиканад;+
6 Ва онҳоро мисли гӯсолае мерақсонад;
Лубнон ва Сирюнро мисли бачаи гови ваҳшӣ+.
7 Овози Худованд забонаҳои оташро чақмоқ мезанонад.
8 Овози Худованд биёбонро меларзонад;
Худованд биёбони Қодешро меларзонад+.
9 Овози Худованд оҳуёнро ба дарди зоиш меандозад,
ва ҷангалҳоро бараҳна мекунад;
ва дар қасри Ӯ ҳама ҷалолро ба забон меоваранд.
10 Худованд бар тӯфон нишаста буд;
ва Худованд бар тахти подшоҳӣ хоҳад нишаст то абад+.
11 Худованд қавми Худро қувват хоҳад бахшид;
Худованд ба қавми Худ дар роҳи сулҳу осоиштагӣ баракат хоҳад хост+.

# ТАРОНАИ БИСТУ НӮҲУМ

## Шукрона барои наҷот додани ҳаёт.

1 Таронаи Довуд; суруди тақдиси хона.
2 Туро, эй Худованд, такбир менамоям, зеро ки маро раҳо кардӣ,
ва душманонамро бар ман шодком нагардондӣ+.
3 Худовандо, Худои ман!
Сӯи Ту истиғоса бурдам, ва маро шифо додӣ.
4 Худовандо! Ҷонамро аз дӯзах баровардӣ,
маро зинда кардӣ, то ки ба қабр фурӯд наоям+.
5 Худовандро бисароед, эй порсоёни Ӯ,
ва зикри қудсияти Ӯро ҳамд гӯед,
6 Зеро ки ғазаби Ӯ як лаҳза аст,
ва ҳусни таваҷҷӯҳи Ӯ дар зарфи як зиндагонӣ:
бегоҳӣ гирья маскан мегирад,
валекин пагоҳӣ — шодмонӣ+.
7 Ва ман дар некрӯзии худ мегуфтам:
«Ҳаргиз фурӯ нахоҳам ғалтид»+.
8 Худовандо! Бо ҳусни таваҷҷӯҳи Худ кӯҳи маро қувват бахшидӣ,
аммо чун рӯи Худро пинҳон кардӣ, ҳаросон шудам.
9 Сӯи Ту, эй Худованд, мехонам,
ва пеши Худованди худ зорӣ мекунам.
10 Аз хуни ман чӣ фоида, вақте ки ба гӯр фурӯд оям?
Оё хок Туро шукрона мегӯяд? Оё ростии Туро
ба забон меоварад+?
11 Бишнав, эй Худованд, ва ба ман марҳамат намо.
Худовандо! Мададгори ман бош.
12 Мотамамро барои ман ба рақс мубаддал кардаӣ,
палосамро кашида, камарамро ба шодӣ бастаӣ,+
13 То ки нафсам Туро бисарояд ва хомӯш нашавад.
Худовандо, Худои ман! Туро ҳамд хоҳам гуфт то абад.

## ТАРОНАИ СИЮМ

## Умедворони Худованд хиҷил намешаванд.

1 •Барои сардори муғанниён. Таронаи Довуд.
2 Ба Ту, эй Худованд, паноҳ бурдаам,
харгиз хиҷил нахоҳам шуд;
аз рӯи адолати Худ маро раҳоӣ деҳ+.
3 Гӯши Худро сӯи ман хам намо, ба зудӣ маро халосӣ деҳ.
Барои ман кӯҳпораи қавӣ ва хонаи паноҳ бош,
то ки маро наҷот диҳӣ,+
4 Зеро ки сахра ва қалъаи ман Ту ҳастӣ;
ва ба хотири исми Худ маро ҳодӣ ва роҳнамо бош.
5 Маро аз доме ки барои ман пинҳон кардаанд,
берун ор, зеро ки Ту истеҳкоми ман ҳастӣ.
6 Рӯҳи худро ба дасти Ту месупорам;
Ту, эй Худованд, эй Худои ростӣ, маро раҳоӣ додаӣ+.
7 Аз пайравони бутҳои бекора нафрат дорам;
ва ман ба Худованд таваккал мекунам+.
8 Ба эҳсони Ту шодӣ ва хурсандӣ мекунам,
чунки мусибати маро дидаӣ, ғуссаҳои ҷонамро донистаӣ,
9 Ва маро ба дасти душман насупурдаӣ,
пойҳоямро дар вусъатобод истонидаӣ+.
10 Ба ман марҳамат намо, эй Худованд, зеро ки ба танг омадаам;
чашмам аз кулфат хаста шудааст, ҷонам ва ҷисмам низ+.
11 Зеро ки ҳаётам аз андӯҳ
ва солҳоям аз оҳу фиғон адо шудааст;
аз гуноҳи ман қувватам заиф
ва устухонҳоям хушк шудааст.
12 Аз дасти ҳамаи хасмҳои худ барои ҳамсояҳоям хеле нангин
ва барои ошноҳоям воҳиманок гардидаам:
ҳар кӣ маро дар кӯча бинад, аз ман мегурезад+.
13 Монанди мурда аз дилҳо фаромӯш шудаам;
мисли зарфи шикастае гардидаам,+
14 Зеро ки маломати касони бисьёрро мешунавам;
дар гирду пешам даҳшат аст,

чунки онҳо бар зидди ман маслиҳатро ба як ҷо мемонанд:
ба фикри гирифтани ҷонам афтодаанд+.
15 Валекин ман ба Ту, эй Худованд, таваккал мекунам;
ман мегӯям: Худои ман Ту ҳастӣ.
16 Тақдири ман дар дасти Туст;
маро аз дасти душманонам
ва таъқибкунандагонам халосӣ деҳ+.
17 Рӯи Худро ба бандаи Худ мунаввар намо,
бо эҳсони Худ маро наҷот деҳ+.
18 Худовандо! Ман хиҷил нахоҳам шуд, чунки Туро хондаам;
лекин шарирон хиҷил хоҳанд шуд, дар дӯзах лаб фурӯ хоҳанд баст.
19 Забонҳои дурӯғгӯй лол хоҳанд шуд,
ки бо ғурур ва тамасхур дар ҳаққи одил бадгӯӣ мекунанд.
20 Чӣ қадар фаровон аст меҳрубонии Ту,
ки барои тарсгорони Худ нигоҳ доштаӣ
ва барои паноҳбарони Худ пеши назари банӣ-одам ба амал овардаӣ:
21 Онҳоро дар паноҳи рӯи Худ аз дасисаҳои мардум пинҳон медорӣ;
онҳоро аз муноқишаи забонҳо дар хайма руст мекунӣ.
22 Муборак аст Худованд,
ки эҳсони аҷоиби Худро дар шаҳри муҳосирашуда ба ман зоҳир
кард!+
23 Валекин ман дар маъюсии худ гуфтам,
ки аз назари Ту рад шудаам;
аммо, вақте ки сӯи Ту истиғоса бурдам,
овози зориҳоямро шунидӣ.
24 Худовандро дӯст доред, эй ҳамаи порсоёни Ӯ!
Аминонро Худованд ҳифз менамояд,
ва мағруронро сазои барзиёд медиҳад+.
25 Матин бошед, ва дилатон қавӣ хоҳад шуд,
эй ҳамаи умедворони Худованд!+

## ТАРОНАИ СИЮ ЯКУМ

## Хушбахтии гуноҳкоре ки тавба кардааст ва омурзида шудааст.

1 Суруди таълимии Довуд.
Хушо касе ки ҷиноятҳояш омурзида ва хатоҳояш пӯшида шудааст.
2 Хушо касе ки Худованд гуноҳи варо ба ҳисоб намеоварад,
ва дар рӯҳи вай ҳилагарӣ нест+.
3 Вақте ки хомӯш будам,
устухонҳоям аз фиғони ҳаррӯзаи ман мепӯсид,
4 Зеро ки рӯзу шаб дасти Ту бар ман фишор меоварinternal;
илики ман ба хушкии тобистон мубаддал шудааст. Село.
5 Хатоямро ба Ту маълум кардаам,
ва гуноҳамро пинҳон надоштаам; гуфтам:
«Ба ҷиноятҳоям пеши Худованд иқрор мешавам»,
ва Ту айби хатоямро афв кардаӣ. Село+.
6 Бинобар ин ҳар порсо дар вақти иҷобат пеши Ту дуо хоҳад гуфт,
ва дар он сурат ҷараёни обҳои бисьёр ба вай нахоҳад расид.
7 Ту паноҳгоҳи ман ҳастӣ, маро аз тангӣ ҳифз мекунӣ,
маро бо таронаҳои халосӣ иҳота менамоӣ. Село+.
8 «Ман туро таълим хоҳам дод ва ба роҳе ки бояд биравӣ, ҳидоят хоҳам кард:
туро насиҳат хоҳам дод; чашмам бар туст.
9 Мисли асп, мисли хачир бефаҳм набошед,
ки онҳоро сӯлуқ ва ҷилав мезананд,
ки ин зинат барои нигоҳ доштани онҳост,
вагар на наздики ту нахоҳанд омад»+.
10 Шарир ғаму ғуссаи зиёде дорад,
аммо касе ки ба Худованд таваккал менамояд,
эҳсон ӯро иҳота хоҳад кард.
11 Дар Худованд шодӣ ва хурсандӣ кунед, эй одилон!
Ва тараннум намоед, эй ҳамаи ростдилон!+

## ТАРОНАИ СИЮ ДУЮМ

## Мадҳ дар шаъни Худои Қодир.

1 Дар Худованд, эй одилон, тараннум намоед:
ҳамду сано гуфтан росткоронро мезебад.
2 Худовандро бо барбат ҳамд гӯед,
бо уди даҳтор Ӯро бисароед;+
3 Суруди наве дар шаъни Ӯ бихонед;
бо бонги шодӣ некӯ бинавозед;+
4 Зеро ки каломи Худованд дуруст аст,
ва тамоми аъмоли Ӯ ҳақ асту рост.
5 Ӯ адл ва инсофро дӯст медорад;
ҷаҳон аз эҳсони Худованд пур аст+.
6 Бо каломи Худованд осмонҳо офарида шудааст,
ва бо дами даҳони Ӯ ҳамаи лашкарҳои онҳо+.
7 Ӯ обҳои баҳрро мисли машке ҷамъ кардааст,
вартаҳоро дар хазоин гузоштааст+.
8 Бигзор тамоми аҳли замин аз Худо тарсон бошанд;
ҳамаи сокинони дуньё аз Ӯ ҳаросон шаванд,
9 Зеро ки Ӯ гуфт, ва иҷро шуд;
Ӯ амр кард, ва қоим гардид+.
10 Худованд машварати халқҳоро ботил мекунад,
ба андешаҳои қавмҳо монеъ мешавад+.
11 Машварати Худованд қоим аст то абад,
андешаҳои дили Ӯ то абадуддаҳр+.
12 Хушо халқе ки Худованд Худои вай аст,
ва қавме ки Ӯ варо барои мероси Худ баргузидааст+.
13 Аз осмон Худованд нигоҳ мекунад,
тамоми банӣ-одамро мебинад;+
14 Аз нишемангоҳи Худ
ба ҳамаи сокинони замин назар меандозад;+
15 Дилҳои онҳоро танҳо Худаш ба вуҷуд овардааст,
ва тамоми аъмолашонро мефаҳмад.
16 Подшоҳ бо сипоҳи бузург наҷот нахоҳад ёфт;
паҳлавон бо қуввати бузург халос нахоҳад шуд+.

17 Асп барои наҷот беэътимод аст,
ва бо қуввати бузургаш халосӣ нахоҳад дод+.
18 Инак, чашми Худованд бар тарсгорони Ӯст,
бар онҳоест, ки ба эҳсони Ӯ умедворанд,+
19 То ки ҷони онҳоро аз мурдан халос кунад,
ва дар вақти қаҳтӣ онҳоро зинда мононад+.
20 Ҷони мо ба Худованд умедвор аст:
Ӯ мададгор ва сипари мост;+
21 Дили мо дар Ӯ шодӣ мекунад,
зеро ки ба исми қуддуси ӯ мо таваккал менамоем.
22 Эҳсони Ту, эй Худованд, бар мо бод,
чунон ки мо ба Ту умед бастаем.

## ТАРОНАИ СИЮ СЕЮМ

## Худованд ҳалимонро наҷот медиҳад ва бадкешонро маҳв мекунад.

1 Таронаи Довуд, вақте ки ӯ хулқи худро назди Абималик
дигаргун сохт, ва аз пеши вай бадар ронда шуд, ва баромада рафт+.
2 Худовандро дар ҳар вақт муборак хоҳам хонд;
доимо ҳамду санои Ӯ бар забони ман аст.
3 Ҷонам бо Худованд фахр мекунад;
ҳалимон шунида, шод хоҳанд шуд+.
4 Худовандро бо ман такбир гӯед;
ва исми Ӯро якҷоя болобардор кунем.
5 Худовандро талабидам, ва маро иҷобат намуд,
ва аз ҳамаи бимҳоям маро халосӣ дод+.
6 Сӯи Ӯ нигоҳ карданд ва мунаввар гардиданд,
ва чеҳраҳошон хиҷил нашуд.
7 Ин мискин бихонд, ва Худованд шунид,
ва ӯро аз ҳамаи тангиҳояш наҷот дод+.
8 Фариштаи Худованд дар гирду пеши тарсгорони Ӯ ҳозир аст ва
онҳоро халосӣ медиҳад+.
9 Бичашед ва хоҳед дид, ки Худованд некӯст!
Хушо марде ки ба Ӯ паноҳ мебарад!+
10 Аз Худованд тарсед, эй муқаддасони Ӯ,
зеро ки тарсгорони Ӯро ҳеҷ камӣ нест+.
11 Шерони ҷавон бенаво шудаанд ва гуруснагӣ мекашанд,
аммо толибони Худовандро аз ҳеҷ чизи хуб камӣ нахоҳад буд+.
12 Биёед, эй фарзандон, маро бишнавед:
тарси Худовандро ба шумо таълим хоҳам дод.
13 Кист он шахсе ки ҳаётро хоҳон аст,
ва айёмро дӯст медорад, то ки некӯӣ бубинад+?
14 Забонатро аз бадӣ нигоҳ дор,
ва лабҳоятро аз гуфтори макромез+.
15 Аз бадӣ дур шав ва некӣ бикун;
талабгори осоиштагӣ шав ва дар паи он бош+.
16 Чашмони Худованд бар одилон аст,

ва гӯшҳои Ӯ сӯи истиғосаи онҳо+.
[17] Хашми Худованд ба муқобили бадкорон аст,
то ки зикри онҳоро аз замин маҳв намояд+.
[18] Вақте ки одилон фарьёд мекашанд,
Худованд онҳоро шунида, аз ҳамаи тангиҳошон халосӣ медиҳад.
[19] Худованд ба дилшикастагон наздик аст,
ва рӯҳафтодагонро наҷот хоҳад дод+.
[20] Мусибатҳои одил бисьёр аст,
валекин аз ҳамаи онҳо Худованд ӯро халосӣ медиҳад;+
[21] Ҳамаи устухонҳои ӯро нигоҳ медорад;
ҳеҷ яке аз онҳо шикаста нахоҳад шуд+.
[22] Шарирро бадӣ хоҳад кушт,
ва бадхоҳони одил маҳкум хоҳанд шуд.
[23] Худованд ҷони бандагони Худро раҳо хоҳад кард,
ва ҳеҷ кас аз паноҳбарони Ӯ маҳкум нахоҳад шуд.

## ТАРОНАИ СИЮ ЧОРУМ

## Дуо дар бораи наҷот додан аз душманони шарир.

1 Таронаи Довуд.
Ба мухолифонам, эй Худованд,
мухолифат намо, ба ҷангҷӯёнам ҷанг кун;+
2 Сипар ва ҷавшан бигир,
ва ба мадади ман бархез;
3 Ва найзаро бикаш ва пеши роҳи таъқибкунандагони маро бигир;
ба ҷонам бигӯй: «Ман наҷоти ту ҳастам!»
4 Бигзор толибони ҷонам хиҷил ва расво шаванд;
бадандешонам қафо гарданд ва шарманда шаванд;+
5 Мисли коҳрезае пеши бод бошанд,
ва фариштаи Худованд онҳоро биронад;+
6 Роҳашон торик ва лағжонак бошад,
ва фариштаи Худованд онҳоро таъқиб намояд,+
7 Зеро ки бе сабабе барои ман доми худро дар ҳафра пинҳон кардаанд;
онро бе сабаб барои ҷонам кандаанд+.
8 Бигзор бар ӯ таҳлукаи ногаҳоние биёяд,
ва доме ки пинҳон кардааст, худи ӯро бигирад;
дар торикӣ дар он фурӯ ғалтад+.
9 Валекин ҷонам дар Худованд хурсандӣ хоҳад кард;
дар наҷоти Ӯ шод хоҳам шуд+.
10 Хамаи устухонҳоям мегӯяд: Худовандо!
Кист монанди Ту, ки камбағалро аз каси пурзӯртар аз вай халос мекунӣ,
ва камбағалу мискинро аз ғораткунандаи вай!+
11 Шоҳидони бадкин бархостаанд:
он чи намедонам, аз ман мепурсанд;
12 Ба ивази некӣ ба ман бадӣ мекунанд,
ҷонамро гирифтори бекасӣ мегардонанд+.
13 Валекин ман дар бемории онҳо палос мепӯшидам,
ҷонамро бо рӯзадорӣ азоб медодам,
аммо бигзор дуоям ба оғӯшам баргардад+.

14 Мисли он ки дӯстам ё бародарам бошад,
рафтор мекардам;
мисли он ки барои модарам мотам гирифта бошам,
ғамгин ва сархам будам.
15 Валекин вақте ки меафтодам, шодӣ мекарданд ва ҷамъ мешуданд;
нокасоне бар зидди ман ҷамъ мешуданд,
ки намешинохтам; маро дашном медоданд, ва бас намекарданд;
16 Бо масхарабозони риёкор дар ҳаққи ман
дандонҳои худро ғиҷиррос мезанонданд+.
17 Худовандо! То ба кай нигоҳ хоҳӣ кард?
Ҷонамро аз ситамҳои онҳо,
ягонаамро аз шерони ҷавон халос кун+.
18 Туро дар ҷамоати бузург ҳамд хоҳам гуфт,
дар миёни қавми азим Туро мадҳ хоҳам кард,+
19 То онҳое ки ноҳақ ба ман адоват доранд,
бар ман шодкомӣ наёбанд,
онҳое ки бесабаб аз ман нафрат доранд,
ба ҳамдигар чашмакӣ назананд;+
20 Зеро ки на дар бораи сулҳу осоиштагӣ сухан меронанд,
балки дар ҳаққи сулҳҷӯёни замин бӯҳтонҳои макромез мебофанд;
21 Ва даҳони худро ба ман воз карда, мегӯянд:
«Ҳай-ҳай, чашми мо дид!»+
22 Инҳоро Ту, эй Худованд, дидаӣ, хомӯш набош.
Худовандо! Аз ман дур набош+.
23 Барои мурофиаи ман, барои даъвои ман аз хоб хез
ва бедор шав, эй Худои ман ва Худованди ман!+
24 Маро аз рӯи адолати Худ дар доварӣ ҳимоят намо,
эй Худованд Худои ман, то ки бар ман шодкомӣ наёбанд,+
25 Ва дар дили худ нагӯянд:
«Ҳай-ҳай, ҷони мо ҳузур кард!»
Ва нагӯянд: «Ӯро фурӯ бурдем»+.
26 Бигзор онҳое ки дар мусибати ман шодӣ мекунанд,
якҷоя шарманда ва расво шаванд,
онҳое ки бар ман такаббур менамоянд,
пероҳани хиҷолат дар бар кунанд.
27 Бигзор онҳое ки хоҳишманди ҳаққонияти мананд,

шод ва хурсанд шаванд ва доимо гӯянд:
«Афзун бод кибриёи Худованд, ки саломатии бандаи Худро хоҳон
аст!»
28 Ва забонам адолати Туро
ва ҳамду санои Туро ҳар рӯз баён хоҳад кард+.

# ТАРОНАИ СИЮ ПАНҶУМ

## Мадҳ дар шаъни марҳамати Худо.

1 Барои сардори муғанниён. Таронаи бандаи Худованд Довуд.
2 Маъсияти шарир андаруни дилам мегӯяд:
«Тарси Худо дар пеши чашми вай нест»;+
3 Зеро ки вай ба худаш дар назари худ тамаллуқ мегӯяд
ва барои худ гуноҳе пайдо мекунад,
то ки пур аз адоват гардад;
4 Суханони забонаш талбис ва макр аст;
аз рафтори оқилона ва некӯкорӣ даст кашидааст;
5 Дар ҷогаҳи худ талбис мебофад,
роҳи нодурустро пеш гирифтааст, аз бадӣ нафрат намекунад+.
6 Худовандо! Эҳсони Ту то осмонҳост,
садоқати Ту то афлок аст!+
7 Адолати Ту мисли кӯҳҳои муаззам аст,
довариҳои Ту вартаи бузург аст!
Одамизод ва ҳайвонро Ту наҷот медиҳӣ, эй Худованд!+
8 Чӣ арҷманд аст эҳсони Ту, эй Худо!
Банӣ-одам дар сояи болҳои Ту паноҳ меёбанд;+
9 Аз равғани хонаи Ту сер мешаванд,
ва аз наҳри шарбатҳои Худ онҳоро менӯшонӣ,
10 Зеро ки чашмаи ҳаёт бо Туст;
дар нури Ту нурро мебинем+.
11 Эҳсони Худро барои орифони Худ давом деҳ,
ва адолати Худро барои ростдилон+.
12 Бигзор пои ғурур бар ман наояд,
ва дасти шарирон маро бадар наронад.
13 Дар он ҷо бадкирдорон афтодаанд,
сарнагун шудаанд ва хеста наметавонанд+.

## ТАРОНАИ СИЮ ШАШУМ

### Умедворони Худованд ва ҳалимон ворисi замин хоҳанд буд, вале шарирон ва бадкешон маҳв хоҳанд шуд.

1 Таронаи Довуд.
Ба бадкешон рашк накун, аз ноинсофон ҳасад набар,+
2 Зеро ки онҳо мисли алаф ба зудӣ даравида хоҳанд шуд,
ва мисли сабза пажмурда хоҳанд шуд+.
3 Ба Худованд таваккал намо ва некӣ бикун;
дар замин сокин бош ва ростиро ҳифз намо.
4 Ва дар Худованд тасаллӣ хоҳӣ ёфт,
ва Ӯ муроди дилатро ба ту ато хоҳад кард+.
5 Роҳи худро ба Худованд бисупор,
ва ба Ӯ таваккал намо, ва Ӯ ба ҷо хоҳад овард,+
6 Ва адолати туро мисли нур,
ва инсофи туро мисли нимрӯз ба зуҳур хоҳад овард+.
7 Пеши Худованд сокит бош ва ба Ӯ умед банд.
Ба касе ки роҳаш барор ёфтааст,
ба шахси дасисакор рашк накун.
8 Аз хашм даст бикаш, ва ғазабро тарк намо;
рашк накун, ки ин боиси бадкорӣ хоҳад шуд,
9 Зеро ки бадкешон маҳв хоҳанд шуд,
валекин умедворони Худованд ворисi замин хоҳанд буд+.
10 Боз андак сабр кун, ва шарир боқӣ нахоҳад монд;
ба маконаш назар хоҳӣ андохт, ва ӯ нахоҳад буд+.
11 Аммо ҳалимон ворисi замин хоҳанд буд,
ва аз осудагии бисьёр лаззат хоҳанд бурд+.
12 Шарир ба одил қасди бад мекунад,
ва дандонҳои худро бар ӯ ғиҷиррос мезанонад;+
13 Аммо Худованд ба ҳоли вай механдад,
зеро мебинад, ки рӯзи вай меояд+.
14 Шарирон шамшер бараҳна мекунанд ва камони худро мекашанд,
то ки камбағал ва мискинро ғалтонанд ва ростравонро қатл кунанд.
15 Шамшери онҳо ба дили худашон фурӯ хоҳад рафт,
ва камонҳои онҳо хоҳад шикаст+.

16 Чизи ками одил
беҳ аз сарвати шарирони бисьёр,+
17 Зеро ки бозувони шарирон хоҳад шикаст,
вале одилонро Худованд тақвият медиҳад+.
18 Худованд рӯзҳои беайбонро медонад,
ва мероси онҳо то абад хоҳад буд+.
19 Дар вақти мусибат хиҷил нахоҳанд шуд,
ва дар айёми қаҳтӣ сер хоҳанд буд,+
20 Аммо шарирон нест хоҳанд шуд,
ва душманони Худованд мисли шукӯҳи марғзорҳо фано хоҳанд шуд,
мисли дуд фано хоҳанд шуд+.
21 Шарир қарз мегирад ва адо намекунад,
вале одил эҳсон мекунад ва медиҳад;
22 Зеро онҳое ки Ӯ муборак хондааст, ворисин замин хоҳанд буд,
вале онҳое ки Ӯ малъун хондааст, маҳв хоҳанд шуд.
23 Худованд қадамҳои мардро барқарор мекунад,
ва ба роҳи вай таваҷҷӯҳ менамояд,+
24 Ба тавре ки вай афтад ҳам, сахт афканда намешавад,
зеро ки Худованд дасташро мегирад+.
25 Ҷавон будам ва ҳоло пир шудаам,
ва одилеро надидаам, ки партофта шуда бошад,
ва наслаш нон мепурсида бошанд:+
26 Вай ҳар рӯз мебахшад ва қарз медиҳад,
ва насли вай баракат хоҳанд ёфт+.
27 Аз бадӣ дур шав ва некӣ бикун,
ва то абад сукунат хоҳӣ кард,+
28 Зеро ки Худованд инсофро дӯст медорад,
ва порсоёни Худро тарк нахоҳад кард;
онҳо то абад маҳфуз хоҳанд буд;
ва насли шарирон маҳв хоҳанд шуд+.
29 Одилон ворисин замин хоҳанд буд,
ва дар он то абад сукунат хоҳанд кард.
30 Даҳони одил ҳикматро баён мекунад,
ва забони ӯ инсофро ифода менамояд+.
31 Шариати Худои ӯ дар дили ӯст;
қадамҳояш суст нахоҳад шуд+.

32 Шарир одилро поида мегардад,
ва дар паи куштани ӯст;+
33 Лекин Худованд ӯро ба дасти вай намесупорад,
ва чун кораш ба мурофиа оид шавад,
намегузорад, ки ӯро айбдор кунанд.
34 Ба Худованд умед банд ва тариқи Ӯро риоя намо;
ва Ӯ туро баланд хоҳад кард, то ки ворисн замин гардӣ;
ҳангоми маҳв шудани шарирон инро хоҳӣ дид+.
35 Шарири ситамгареро дидаам,
ки мисли дарахти сершохаи сабзу хуррам дар як ҷо чуқур реша давонда буд;
36 Ва ӯ гузашта рафт, ва инак нест шудааст;
ва ӯро ҷустуҷӯ кардам, ва ёфт нашуд.
37 Ба беайб назар андоз ва росткорро бубин,
зеро ки оянда ба шахси сулҳҷӯ тааллуқ дорад,
38 Ва ҷинояткорон аз як сар маҳв хоҳанд шуд;
фарҷоми шарирон нест шудан аст+.
39 Наҷоти одилон аз Худованд аст;
дар вақти тангӣ Ӯ истеҳкоми онҳост;+
40 Ва Худованд ба онҳо мадад хоҳад кард ва онҳоро халосӣ хоҳад дод;
онҳоро аз шарирон халосӣ хоҳад дод, ва онҳоро наҷот хоҳад бахшид,
зеро ки онҳо ба Ӯ паноҳ мебаранд+.

# ТАРОНАИ СИЮ ҲАФТУМ

## Суруди тавбаи беморони сахт.

1 Таронаи Довуд. Барои ёдоварӣ+.
2 Худовандо! Дар ғазаби Худ маро мазаммат накун,
ва дар хашми Худ маро ҷазо надеҳ,+
3 Зеро ки тирҳои Ту дар ман фурӯ рафтааст,
ва дасти Ту бар ман фурӯд омадааст+.
4 Дар ҷисмам аз ғазаби Ту ҷои сиҳате нест;
дар устухонҳоям аз хатои худам саломатӣ нест,+
5 Зеро ки гуноҳҳоям аз сарам гузаштааст,
мисли бори гароне аз бардоштам вазнинтар аст;+
6 Аз боиси беақлии ман ҷароҳатҳоям бадбӯй шудааст,
фасод кардааст.
7 Бисьёр хамидақомат ва сархам шудаам,
тамоми рӯз тирарӯ шуда мегардам;
8 Зеро ки суринҳоям пур аз варам аст,
ва дар ҷисмам ҷои сиҳате нест.
9 Бағоят бемадор ва шалпар шудаам;
аз дарди дили худ наъра мезанам.
10 Худовандо! Тамоми орзуям пеши назари Туст,
ва оҳу фиғонам аз Ту пӯшида нест.
11 Дилам метапад; қувватам аз ман рафтааст,
ва нури чашмонам низ бо ман нест.
12 Дӯстонам ва ёронам аз офати ман канор шудаанд,
ва хешовандонам дур истодаанд+.
13 Ва толибони ҷонам бар ман дом мегузоранд,
ва бадхоҳонам суханони фитнаангез мегӯянд
ва ҳар рӯз макрҳо меандешанд.
14 Валекин ман мисли кар намешунавам,
ва мисли гунге ҳастам, ки даҳонашро намекушояд;+
15 Ва монанди шахсе гардидаам, ки намешунавад,
ва дар забонаш далеле нест.
16 Аммо ба Ту, эй Худованд, умед бастаам;
Ту иҷобат намо, эй Худованд Худои ман+.
17 Зеро ки гуфтаам: «Мабодо бар ман шодкомӣ ёбанд ва,
агар пешпо хӯрам, бар ман такаббур кунанд».

18 Зеро ки ман ба афтодан наздик шудаам,
ва дардам ҳамеша дар рӯ ба рӯи ман аст.
19 Зеро ки ба гуноҳи худ иқрорам,
аз хатои худ ғамгинам+.
20 Валекин душманонам зинда ва пурзӯранд,
ва онҳое ки ноҳақ бадхоҳи мананд, бисьёранд;
21 Ва онҳое ки ба ивази некӣ бадӣ мекунанд,
барои он ба ман адоват доранд,
ки некиро пайравӣ менамоям+.
22 Маро тарк накун, эй Худованд Худои ман!
Аз ман дур набош;+
23 Ба мадади ман шитоб кун, эй Худованд, эй наҷоти ман!

## ТАРОНАИ СИЮ ҲАШТУМ

### Сукути ҳалимона сабаби тавбаи гуноҳкор мешавад.

1 Барои сардори муғанниён, Едутун. Таронаи Довуд+.
2 Гуфтам: «Роҳҳои худро эҳтиёт хоҳам кард,
то ки бо забонам хатое накунам;
ба даҳонам тумшуқбанд хоҳам зад,
то даме ки шарир дар рӯ ба рӯи ман аст»+.
3 Ман гунг ва хомӯш будам,
аз некӣ низ лаб фурӯ бастам, ва дардам бадтар шуд.
4 Дилам андарунам аланга зад,
дар фикрам оташ даргирифт,
бо забони худ сухан гуфтам:+
5 «Аҷаламро, эй Худованд, ба ман маълум кун,
ва миқдори рӯзҳоямро, ки чист,
то донам, ки кай фано мешавам+.
6 Инак, рӯзҳои маро ба қадри ваҷабе додаӣ,
ва умрам дар назари Ту ҳеҷ аст.
Ба яқин ҳар одамӣ, ки мутакаббирона меистад, чизи бекор аст».
Село+.
7 Ба яқин одамизод мисли шабаҳе мегардад:
бекора шӯру ғавғо менамояд,
захира мекунад ва намедонад, ки он насиби кӣ мешавад+.
8 Ва акнун, эй Худованд, ман чиро умедвор бошам?
Умеди ман бар Туст+.
9 Аз ҳамаи ҷиноятҳоям маро раҳоӣ деҳ,
пеши нобакорон маро хиҷил накун.
10 Ман гунг шудаам, даҳонамро намекушоям;
зеро ки Ту инро кардаӣ.
11 Офати Худро аз ман дур кун;
аз зарбаи дасти Ту ман нобуд мешавам+.
12 Агар одамизодро мувофиқи далелҳои гуноҳи вай ҷазо диҳӣ, зебоии вай,
мисли он ки куя зада бошад, хароб хоҳад шуд.
Ба яқин ҳар одамӣ чизи бекор аст! Село.

[13] Дуои маро бишнав, эй Худованд, ва ба истиғосаи ман гӯш андоз;
бар ашкҳоям сокит набош, зеро ки ман назди Ту ғарибам ва мисли
ҳамаи падаронам муҳоҷирам+.
[14] Ғазаби Худро аз ман бигардон, то каме кушодарӯй гардам,
пеш аз он ки биравам, ва дигар нахоҳам буд+.

## ТАРОНАИ СИЮ НӮҲУМ

## Умедворони Худованд ҳамеша аз ҷониби Ӯ наҷот меёбанд.

1 Барои сардори муғанниён. Таронаи Довуд.
2 Ба Худованд бисьёр умед бастам,
ва Ӯ сӯи ман рӯ овард, ва истиғосаи маро шунид;
3 Ва маро аз чоҳи ҳалокат, аз ботлоқи пурлой берун овард,
ва пойҳоямро бар сахрае гузошт, қадамҳоямро мустаҳкам гардонд+.
4 Ва суруди наве дар даҳонам гузошт, —
ҳамду санои Худои моро. Бисьёр касон инро дида,
тарсон хоҳанд шуд, ва ба Худованд таваккал хоҳанд кард+.
5 Хушо марде ки ба Худованд таваккал мекунад,
ва ба мутакаббирон ва пайравони кизб рӯ намеоварад!
6 Корҳои зиёде Ту кардаӣ, эй Худованд Худои ман!
Корҳои аҷоиб ва андешаҳоеро, ки Ту дар ҳаққи мо зоҳир намудаӣ, — кист, ки монанди Ту бошад! —
мавъиза ва нақл хоҳам кард, аммо шумораи онҳо бениҳоят бисьёр аст+.
7 Қурбонӣ ва ҳадияро Ту нахостӣ;
гӯшҳои маро воз кардӣ;
қурбонии сӯхтанӣ ва қурбонии хаторо талаб накардӣ+.
8 Он гоҳ гуфтам: инак меоям;
дар тӯмори китоб дар бораи ман навишта шудааст:
9 Иродаи Туро, эй Худои ман, ба ҷо овардан мехоҳам,
ва шариати Ту андаруни дили ман аст+.
10 Дар ҷамоати бузург аз адолат башорат додаам;
инак, лабҳои худро нахоҳам баст:
Худовандо, Ту медонӣ.
11 Адолати Туро андаруни дилам махфӣ надоштаам,
вафо ва наҷоти Туро баён кардаам,
эҳсон ва ростии Туро аз ҷамоати бузург пинҳон надоштаам.
12 Ту, эй Худованд, марҳаматҳои Худро аз ман боз надор;
бигзор эҳсон ва ростии Ту ҳамеша маро нигаҳбонӣ кунад.
13 Зеро ки мусибатҳои бешумор маро иҳота намудааст; гуноҳҳоям маро мубтало кардааст,

ба тавре ки қобили дидан нестам:
онҳо аз мӯи сарам бисьёр аст, ва дилам маро тарк кардааст+.
14 Худовандо! Таваҷҷӯҳ намуда, маро халосӣ деҳ;
Худовандо! Ба мадади ман шитоб кун.
15 Бигзор онҳое ки толиби ҷони мананд,
то онро ба ҳалокат расонанд,
аз як сар хиҷил ва шарманда шаванд;
бадхоҳонам қафо гарданд ва расво шаванд;+
16 Онҳое ки ба ман «ҳай-ҳай!» мегӯянд,
ба сабаби шармандагии худ ҳайрон шаванд;+
17 Ҳамаи толибони Ту дар Ту шодӣ ва хурсандӣ кунанд,
ва дӯстдорони наҷоти Ту доимо гӯянд:
«Афзун бод кибриёи Худованд!»
18 Валекин ман камбағал ва мискин ҳастам,
ва Худованд ба ман ғамхорӣ мекунад;
мададгор ва раҳокунандаи ман Ту ҳастӣ.
Эй Худои ман! Таъхир накун+.

## ТАРОНАИ ЧИЛУМ

### Хушо касе ки ба бенавоён марҳамат менамояд.

1 Барои сардори муғанниён. Таронаи Довуд.
2 Хушо касе ки ба бенаво эътибор медиҳад!
Дар рӯзи мусибат Худованд ӯро раҳо хоҳад кард+.
3 Худованд ӯро нигаҳбонӣ хоҳад кард ва зинда хоҳад мононд, ва ӯ дар замин хушбахт хоҳад буд.
Ва Ту ӯро ба дасти душманонаш нахоҳӣ супурд+.
4 Худованд ӯро бар бистари беморӣ ёварӣ хоҳад кард.
Тамоми вақти хобидани ӯ Ту дар бемории ӯ нигоҳубин хоҳӣ кард+.
5 Ман гуфтам: «Худовандо! Ба ман марҳамат намо;
ҷонамро шифо деҳ, зеро ки пеши Ту хато кардаам».
6 Душманонам дар ҳаққи ман суханони бад мегӯянд:
«Ӯ кай мемирад, то ки номаш гум шавад?»
7 Ва агар касе ба иёдати ман биёяд, сухани дурӯғ мегӯяд;
дили вай дар худ ғайбат ҷамъ мекунад,
ва хамин ки берун рафт, ба гапу калоча шурӯъ менамояд+.
8 Ҳамаи бадхоҳонам бо ҳамдигар дар ҳаққи ман пичир-пичир мекунанд,
бар зидди ман бадӣ меандешанд:
9 «Қабоҳате ба сари ӯ омадааст,
ва акнун, ки ӯ хобидааст, дигар нахоҳад бархост».
10 Ҳатто касе ки бо ман дӯст буд, ва аз ӯ дилпур будам,
ва ӯ нони маро мехӯрд,
пошнаи худро бар ман баланд кардааст+.
11 Валекин Ту, эй Худованд, ба ман марҳамат намо,
маро ба по бархезон, то ки онҳоро сазо диҳам.
12 Аз ин хоҳам донист, ки Ту ба ман таваҷҷӯҳ менамоӣ,
зеро ки душманам бар ман тантана намекунад.
13 Ва маро, ба сабаби беайбии ман, дастгирӣ хоҳӣ кард,
ва ба хузури Худ то абад қоим хоҳӣ дошт.
14 Муборак аст Худованд Худои Исроил аз азал то абад!
Омин ва омин!+

## ТАРОНАИ ЧИЛУ ЯКУМ

## Дуо дар бораи наҷот додани шахсе ки ба кишвари бегона ронда шудааст.

1 Барои сардори муғанниён. Суруди таълимии банӣ-Қӯраҳ+.
2 Чунон ки оҳу иштиёқманди маҷроҳои об аст,
пончунон ҷонам иштиёқманди Туст, эй Худо!+
3 Ҷонам ташнаи Худост, ташнаи Худои Ҳай:
кай омада, пеши Худо ҳозир мешавам?
4 Ашкҳоям рӯзу шаб нони ман буд,
вақте ки ҳар рӯз ба ман мегуфтанд: «Худои ту куҷост?»+
5 Инро ба хотир оварда, ҷонам андаруни ман ба ҳаяҷон меояд:
ҳангоме ки бо ҷамоате гузар доштам,
онҳоро оҳиста-оҳиста сӯи хонаи Худо мебурдам,
бо овози тараннум ва шукронаи оммае ки ид мекард+.
6 Чаро, эй ҷонам, маъюс шудаӣ ва андаруни ман ошуфтаҳол ҳастӣ?
Ба Худо умедвор бош, зеро боз ба гуфтани ҳамди Ӯ муваффақ хоҳам шуд,
барои наҷоте ки аз Ӯ хоҳам ёфт+.
7 Эй Худои ман! Ҷонам андарунам маъюс шудааст,
бинобар ин Туро аз замини Урдун ва аз Ҳермӯн,
аз кӯҳи Мисъар ёд мекунам+.
8 Варта вартаро бо овози шаршараҳои Ту даъват менамояд;
ҳамаи туғёнҳо ва мавҷҳои Ту бар ман гузаштааст.
9 Рӯзона Худованд эҳсони Худро зоҳир хоҳад кард,
ва шабона суруди Ӯ бо ман хоҳад буд,
ки дуоест пеши Худои ҳаёти ман+.
10 Ба Худое ки сахраи ман аст, мегӯям:
Чаро маро фаромӯш кардаӣ?
Чаро аз фишори душман малӯл шуда мегардам+?
11 Хасмҳоям бо дашномҳои худ устухонҳои маро зарбаи марговар мезананд,
вақте ки ҳар рӯз ба ман мегӯянд: «Худои ту куҷост?»
12 Чаро, эй ҷонам, маъюс шудаӣ ва андаруни ман ошуфтаҳол ҳастӣ?
Ба Худо умедвор бош,

зеро боз ба гуфтани ҳамди Ӯ муваффақ хоҳам шуд,
ки Ӯ наҷоти рӯи ман ва Худои ман аст.

# ТАРОНАИ ЧИЛУ ДУЮМ

## Дуо дар бораи халосӣ додан аз шахсони ноинсоф ва маккор.

1 Маро, эй Худо, дар доварӣ ҳимоят намо,
ва доди маро аз мардуми бераҳм бигир;
аз шахси маккор ва ноинсоф маро раҳоӣ деҳ,+
2 Зеро ки Ту Худои истеҳкоми ман ҳастӣ.
Чаро маро партофтаӣ?
Чаро аз фишори душман малӯл шуда мегардам+?
3 Нур ва ростии Худро бифрист,
то ки маро ҳидоят намоянд,
маро ба кӯҳӣ муқаддаси Ту ва ба масканҳои Ту биёранд+.
4 Ва назди қурбонгоҳи Худо хоҳам омад,
назди Худое ки шодӣ ва хурсандии ман аст,
ва Туро, эй Худо, Худои ман, бо барбат ҳамд хоҳам гуфт!
5 Чаро, эй ҷонам, маъюс шудаӣ ва андаруни ман ошуфтаҳол ҳастӣ?
Ба Худо умедвор бош, зеро боз ба гуфтани ҳамди Ӯ муваффақ хоҳӣ шуд,
ки Ӯ наҷоти рӯи ман ва Худои ман аст+.

## ТАРОНАИ ЧИЛУ СЕЮМ

## Бе мадади Худо ғалаба ба даст намеояд.

1 Барои сардори муғанниён. Суруди таълимии банӣ-Қӯраҳ.
2 Худоё, бо гӯшҳои худ шунидаем,
ва падарони мо ба мо ҳикоят кардаанд дар бораи корномае ки дар айёми онҳо,
дар айёми қадим ба амал овардаӣ+.
3 Ту бо дасти Худ халқҳоро бадар рондаӣ, вале онҳоро нишондаӣ;
қабилаҳоро шикаст додаӣ, вале онҳоро паҳн кардаӣ;+
4 Зеро ки онҳо бо шамшери худ заминро мусаххар накардаанд,
ва онҳоро бозуи онҳо наҷот надодааст,
балки ямини Ту ва бозуи Ту ва нури рӯи Ту,
зеро ки ҳусни таваҷҷӯҳи Ту бар онҳо буд+.
5 Ту подшоҳи ман ҳастӣ, эй Худо!
Бар наҷоти Яъқуб амр фармо+.
6 Бо мадади Ту адуёни худро шох хоҳем зад;
бо исми Ту мухолифони худро поймол хоҳем кард;
7 Зеро ки ба камони худ таваккал нахоҳам кард,
ва шамшерам маро наҷот нахохад дод;+
8 Балки Ту моро аз адуёни мо наҷот додаӣ,
ва бадхоҳони моро хиҷил кардаӣ.
9 Ҳар рӯз бо Худо фахр менамоем,
ва исми Туро то абад ҳамд хоҳем гуфт. Село.
10 Аммо алҳол Ту моро партофтаӣ ва расво кардаӣ,
ва бо лашкарҳои мо берун намеоӣ;+
11 Моро пеши душман ақиб гардондаӣ,
ва бадхоҳони мо барои худ тороҷ мекунанд+.
12 Моро мисли гӯсфандон барои хӯрдан супурдаӣ,
ва дар миёни халқҳо моро пароканда кардаӣ;+
13 Қавми Худро ба баҳои ночизе фурӯхтаӣ,
ва нархашонро зиёд накардаӣ.
14 Моро назди ҳамсоягони мо нангин кардаӣ, хандахариш ва ҳақир назди онҳое ки дар гирду пеши моянд+.
15 Моро вирди забон дар миёни халқҳо,

ҳадафи сарҷунбонӣ дар миёни қабилаҳо гардондаӣ+.
16 Ҳар рӯз расвоии ман пеши назари ман аст,
ва хиҷолат рӯи маро пӯшидааст
17 Аз овози дашномдиҳанда ва бӯҳтонгӯй,
аз афту башараи душман ва интиқомҷӯй.
18 Ҳамаи ин ба сари мо омадааст,
валекин мо Туро аз хотир набаровардаем,
ва ба аҳди Ту хиёнат накардаем.
19 Дили мо ақиб нагашт,
ва пойҳои мо аз роҳи Ту берун нарафт,
20 Вақте ки моро дар макони шағолон фурӯ нишондӣ
ва бо зулмот моро пӯшондӣ+.
21 Агар мо исми Худои худро аз хотир мебаровардем
ва кафҳои худро сӯи худои бегона дароз мекардем,
22 Оё Худо инро таҳқиқ наменамуд?
Зеро ки Ӯ асрори дилро медонад+.
23 Лекин ба хотири Ту мо ҳар рӯз кушта мешавем,
мисли гӯсфандони забҳ ба шумор меравем+.
24 Бархез! Чаро хобидаӣ, эй Худованд?
Бедор шав, ба сурати абадӣ моро напартой!+
25 Чаро рӯи Худро пинҳон доштаӣ,
мусибат ва тангии моро фаромӯш кардаӣ?
26 Зеро ки ҷони мо ба хок яксон шудааст,
ҷисми мо ба замин часпидааст.
27 Ба мадади мо бархез,
ва моро ба хотири эҳсони Худ халосӣ деҳ+.

## ТАРОНАИ ЧИЛУ ЧОРУМ

### Суруди ҳамду сано дар шаъни Масеҳи Худо ва арӯси Ӯ.

1 Барои сардори муғанниён бар сози шушон. Суруди таълимии
банӣ-Қӯраҳ. Суруди муҳаббат+.
2 Дилам аз ҳиссиёти хубе ба ҷӯш омадааст;
ман мегӯям: сурудам ба подшоҳ бахшида шудааст;
забонам қалами котиби тезнавис аст.
3 Ту аз банӣ-одам зеботарин ҳастӣ;
латофат бар лабонат хувайдост;
бинобар ин Худо Туро муборак хондааст то абад.
4 Шамшери Худро, эй Баҳодур,
бар рони Худ бибанд, ки шукӯҳ ва шавкати Туст;+
5 Ва дар шавкати Худ савор шуда,
дар роҳи ростӣ ва ҳилму адолат комьёб шав,
ва яминат чизҳои аҷоибе ба Ту нишон хоҳад дод.
6 Тирҳои Ту тез аст, —
қавмҳо зери пои Ту фурӯ меғалтанд: —
тирҳоят ба дили душманони Подшоҳ хоҳад расид.
7 Тахти Ту, эй Худо, то абад аст;
асои ростӣ асои малакути Туст+.
8 Адолатро дӯст доштаӣ, ва аз шарорат нафрат дорӣ.
Бинобар ин Туро Худо, Худои Ту,
бо равғани шодмонӣ бештар аз рафиқонат тадҳин кардааст.
9 Ҳамаи либосҳоят мисли мур ва уд ва дорчин аст;
аз қасрҳои оҷ Туро бо созҳо хурсанд мекунанд+.
10 Духтарони подшоҳон дар миёни азизони Ту ҳастанд;
ба яминат малика дар тиллои Ӯфир истодааст+.
11 Бишнав, эй духтар, ва бубин, ва гӯши худро дор,
ва қавми худ ва хонаи падаратро фаромӯш кун.
12 Ва ҳангоме ки Подшоҳ иштиёқманди ҷамоли ту гардад,
зеро ки Ӯ Худованди туст, ба Ӯ саҷда намо.
13 Ва духтари Сӯр бо ҳадияҳо,
ва сарватдорони қавм дидори туро хоҳанд талабид.
14 Тамоми ҷалоли духтари Подшоҳ дар андарун аст:

либоси вай бо тилло мурассаъ аст;
15 Дар либоси пурнигор вай назди Подшоҳ бурда мешавад;
аз ақиби вай бокираҳо, дугонаҳояш, равонанд, ки пеши Ту оварда шудаанд;+
16 Бо шодӣ ва хурсандӣ бурда мешаванд,
ба қасри Подшоҳ оварда мешаванд.
17 Дар ивази падаронат писаронат хоҳанд буд;
онҳоро дар тамоми замин мир таъин хоҳӣ кард.
18 Номи Туро зикр хоҳам кард то абадуддаҳр;
бинобар ин қавмҳо Туро ҳамд хоҳанд гуфт то абад.

## ТАРОНАИ ЧИЛУ ПАНҶУМ

### Худо паноҳгоҳ ва қуввати мост.

1 Барои сардори муғанниён. Суруди банӣ-Қӯраҳ бар сози аломӯт+.
2 Худо паноҳгоҳ ва қуввати мост,
мададгоре ки дар тангиҳо зуд пайдо мешавад;+
3 Бинобар ин нахоҳем тарсид, агарчи замин мубаддал шавад,
кӯҳҳо дар қаъри баҳрҳо ба ҷунбиш оянд,
4 Обҳои он хурӯшида, туғён кунанд,
ва кӯҳҳо аз ғалаёни он мутазалзил шаванд. Село+.
5 Ҷӯйҳои наҳр шаҳри Худоро хурсанд мекунанд,
ки он муқаддастарини масканҳои Ҳаққи Таолост+.
6 Худо андаруни он аст, он фурӯ нахоҳад ғалтид:
субҳидам Худо ба он мадад хоҳад кард+.
7 Халқҳо хурӯш бардоштанд; мамлакатҳо фурӯ ғалтиданд:
Ӯ овози Худро дод, ва замин ба ларза афтод+.
8 Худованди лашкарҳо бо мост,
Худои Яъқуб паноҳгоҳи мост. Село.
9 Биёед, ба корномаҳои Худованд назар андозед,
ки харобиҳо бар замин овардааст:+
10 Ба ҷангҳо то ақсои замин хотима дода,
камонро шикастааст ва найзаро пора кардааст,
аробаҳоро ба оташ сӯзондааст+.
11 «Бозистед ва бидонед, ки Ман Худо ҳастам:
дар миёни халқҳо барафрохта хоҳам шуд,
бар замин барафрохта хоҳам шуд».
12 Худованди лашкарҳо бо мост,
Худои Яъқуб паноҳгоҳи мост. Село.

# ТАРОНАИ ЧИЛУ ШАШУМ

## Худованди мо подшоҳ аст.

1 Барои сардори муғанниён. Таронаи банӣ-Қӯраҳ.
2 Эй ҳамаи қавмҳо, каф занед!
Ба Худо бо овози тараннум бонг занед!+
3 Зеро ки Худованди Таоло саҳмгин аст, —
подшоҳи бузург аст бар тамоми замин;+
4 Қавмҳоро зердасти мо гардонд,
ва қабилаҳоро зери пойҳои мо;+
5 Мероси моро барои мо баргузид,
яъне ифтихори Яъқубро, ки дӯст медорад. Село.
6 Худо бо бонги шодӣ сууд кард,
Худованд бо овози шох.
7 Бисароед Худоро, бисароед!
Бисароед Подшоҳи моро, бисароед!
8 Зеро ки Худо подшоҳи тамоми замин аст;
суруди дилнишине бихонед+.
9 Худо бар халқҳо подшоҳ шуд;
Худо бар тахти муқаддаси Худ биншаст.
10 Мирони қавмҳо назди қавми Худои Иброҳим ҷамъ омадаанд,
зеро ки сипарҳои замин аз они Худост; Ӯ бениҳоят баланд аст+.

## ТАРОНАИ ЧИЛУ ҲАФТУМ

## Худои мо ба таври абадӣ ҳодии мо хоҳад буд.

1 Суруд. Таронаи банӣ-Қӯраҳ.
2 Худованд бузург аст ва бениҳоят мамдӯҳ
дар шаҳри Худои мо, дар кӯҳи муқаддаси Худ+.
3 Теппаи бисьёр зебо,
шодии тамоми замин аст кӯҳи Сион;
дар канори шимолӣ шаҳри Подшоҳи муаззам аст+.
4 Худо дар қасрҳои он ҳамчун паноҳгоҳ машҳур аст:
5 Зеро инак подшоҳон ҷамъ омаданд, якҷоя гузаштанд;+
6 Ҳамин ки онҳо диданд,
ҳайрон шуда ба ҳарос афтоданд ва рӯй ба гурез оварданд;
7 Ларза онҳоро дар он ҷо фаро гирифт ва дарди сахт,
ба монанди зане ки мезояд+.
8 Ту бо боди шарқӣ киштиҳои Таршишро шикастӣ+.
9 Чунон ки шунида будем,
essential онҷунон дидем дар шаҳри Худованди лашкарҳо, дар шаҳри Худои мо:
Худо онро барқарор хоҳад кард то абад. Село.
10 Дар бораи эҳсони Ту, эй Худо,
мо андаруни қасри Ту фикру хаёл мекунем+.
11 Чунон ки исми Ту, эй Худо,
онҷунон ҳамду санои Ту то ақсои замин паҳн шудааст;
ямини Ту пур аз адл аст+.
12 Кӯҳи Сион хурсандӣ мекунад,
духтарони Яҳудо шод мешаванд,
ба муносибати довариҳои Ту+.
13 Дар гирди Сион гардед ва онро давр занед;
бурҷҳои онро бишморед;
14 Дили худро ба истеҳкомҳои он бимонед;
қасрҳояшро дида бароед,
то ки ба насли оянда ҳикоят кунед,
15 Зеро ки ин Худо Худои мост то абад;
Ӯ моро то дами мамот ҳидоят хоҳад кард.

## ТАРОНАИ ЧИЛУ ҲАШТУМ

## Сарват, қувват ва ҷалоли одамон бо мурданашон тамом мешавад.

1 Барои сардори муғанниён. Таронаи банӣ-Қӯраҳ.
2 Инро бишнавед, эй ҳамаи қавмҳо!
Гӯш андозед, эй ҳамаи сокинони дуньё!+
3 Ҳам одамони оддӣ ва ҳам шахсони наҷиб;
сарватдор ва мискин якҷоя.
4 Забонам ҳикматро баён мекунад,
ва андешаҳои дилам аз ғояҳо иборат аст.
5 Гӯши худро ба масале медорам;
муаммои худро бо барбат мекушоям:+
6 Чаро дар айёми бадкеш тарсон бошам,
вақте ки гуноҳи дунболагирҳоям маро иҳота мекунад?
7 Онҳо ба тавонгарии худ таваккал менамоянд,
ва бо фаровонии сарвати худ фахр мекунанд+.
8 Касе ҳаргиз барои бародараш фидия намедиҳад;
кафораи худро низ ба Худо адо намекунад, —+
9 Чунки фидияи ҷонашон гаронбаҳост,
ва он ҳаргиз муяссар намешавад, —
10 То ки доим зинда монда, рӯи гӯрро набинад+.
11 Зеро мебинад, ки ҳакимон мемиранд,
бо якҷоягии ҷоҳилон ва аблаҳон нобуд мешаванд;
ва тавонгарии худро ба дигарон боқӣ мегузоранд+.
12 Дар хотир мегузаронанд, ки хонаҳошон доимӣ
ва масканҳошон то абадуддаҳр аст;
заминҳошонро ба номҳои худ мехонанд.
13 Валекин одамизод дар ҷоҳу ҷалолаш намемонад:
ӯ мисли ҳайвонҳоест, ки ба ҳалокат мерасанд+.
14 Чунин аст роҳи онҳое ки худбоваранд,
ва фарҷоми онҳое ки аз лофи худ хурсанданд. Село.
15 Мисли гӯсфандон ба дӯзах бурда мешаванд;
мамот онҳоро чӯпонӣ мекунад;
ва бомдодон росткорон бар онҳо ҳукмфармо хоҳанд шуд,

ва сурати онҳо дар дӯзах, ки маскани онҳост, хоҳад пӯсид.
16 Аммо ҷонамро Худо раҳо хоҳад кард,
зеро ки маро аз дасти дӯзах хоҳад гирифт. Село+.
17 Натарс, вақте ки шахсе сарватдор шавад,
ва ҷалоли хонааш афзун гардад,
18 Зеро ки ҳангоми мурданаш чизе бо худ нахоҳад бурд;
ҷалолаш аз ақиби ӯ нахоҳад рафт;+
19 Агарчи дар ҳаёташ ӯ баракати худро мехоҳад,
ва ба дили худ мегӯяд:
«Туро таъриф мекунанд, ки худро қонеъ мегардонӣ», —
20 Лекин сӯи насли падарони худ хоҳад рафт,
ки онҳо то абад нурро нахоҳанд дид+.
21 Одаме ки соҳиби ҷоҳу ҷалол аст, вале фаҳм надорад,
мисли ҳайвонҳоест, ки ба ҳалокат мерасанд+.

# ТАРОНАИ ЧИЛУ НӮҲУМ

## Шукрона, мадҳ ва иҷрои аҳком қурбонии ҳақиқӣ барои Худо мебошад.

1 Таронаи Ософ.
Худои худоён, Худованд сухан меронад,
ва заминро аз тулӯи офтоб то ғуруби он мехонад+.
2 Аз Сион, ки камоли зебоист, Худо таҷаллӣ менамояд+.
3 Худои мо меояд, ва хомӯш нахоҳад буд:
пеши Ӯ оташи сӯзон муҳайёст,
ва гирдогирди Ӯ тӯфони дамон+.
4 Аз боло осмон ва заминро мехонад,
то ки қавми Худро доварӣ намояд:+
5 «Порсоёни Маро назди Ман ҷамъ оваред,
ки бо Ман ба қурбонӣ аҳд бастаанд».
6 Ва осмон адолати Ӯро баён хоҳад кард,
зеро ки Худо Довар аст. Село+.
7 Бишнав, эй қавми Ман, то сухан ронам,
ва эй Исроил, то ба ту шаҳодат диҳам:
Ман, Худо, Худои ту ҳастам+.
8 На аз барои қурбониҳоят туро мазаммат хоҳам кард;
қурбониҳои сӯхтании ту доимо пеши назари Ман аст+.
9 На гӯсолае аз хонаи ту хоҳам гирифт,
на такае аз оғили ту,
10 Зеро ки тамоми ҳайвоноти ҷангал аз они Ман аст,
ва чорпоёне ки бар ҳазорҳо кӯҳҳо ҳастанд;+
11 Ҳамаи мурғони кӯҳсорро мешиносам,
ва ҷонварони саҳро дар дасти Ман аст.
12 Агар гурусна мемондам, ба ту намегуфтам,
зеро ки дуньё ва ҳар чи дар он аст, аз они Ман аст+.
13 Оё гӯшти говмешонро мехӯрам,
ва хуни такаҳоро менӯшам?
14 Ба Худо қурбонии шукронаро забҳ намо,
ва ба Ҳаққи Таоло назрҳои худро адо бикун+.
15 Ва дар рӯзи тангӣ Маро бихон;

туро халосӣ хоҳам дод, ва ту Маро мадҳ хоҳӣ кард+.
16 Вале ба шарир Худо мегӯяд:
«Ту чӣ ҳақ дорӣ, ки фароизи Маро ривоят намоӣ,
ва аҳди Маро ба забони худ оварӣ,
17 Дар сурате ки худат аз хулқу одоб нафрат дорӣ,
ва суханони Маро пушти по мезанӣ?
18 Чун дуздро дидӣ, ҳамроҳи вай медавӣ,
ва бо зинокорон шарик мешавӣ;
19 Даҳони худро барои бадгӯӣ мекушоӣ,
ва забонат макр мебофад;+
20 Нишаста, дар ҳаққи бародари худ сухан меронӣ,
ба писари модари худ бӯҳтон мезанӣ.
21 Чунин рафтор кардӣ, ва Ман хомӯш мондам;
гумон кардӣ, ки Ман мисли ту ҳастам.
Бинобар ин туро мазаммат хоҳам кард,
ва доварии туро пеши назари ту ба амал хоҳам овард+.
22 Инро, эй фаромӯшкунандагони Худо, фаҳм кунед:
мабодо шуморо бидарам, ва раҳокунандае набошад+.
23 Ҳар кӣ шукронаро қурбонӣ намояд, вай Маро мадҳ мекунад,
ва ҳар кӣ роҳи дурустро пеш гирад, ба вай наҷоти Худоро нишон
хоҳам дод».

## ТАРОНАИ ПАНҶОҲУМ

## Дуои гуноҳкоре ки тавба мекунад.

1 Барои сардори муғанниён. Таронаи Довуд,
2 Вақте ки пеши ӯ, баъд аз даромаданаш назди Батшобаъ, Нотони
набӣ омад+.
3 Ба ман, эй Худо, аз рӯи лутфи Худ марҳамат намо,
ва ҷиноятҳоямро аз рӯи фаровонии марҳаматҳои Худ маҳв кун+.
4 Маро аз гуноҳам чандинбора шустушӯ намо,
ва аз хатоям маро пок кун,+
5 Зеро ки ман ба ҷиноятҳои худ иқрор ҳастам,
ва хатоям доим пеши назари ман аст+.
6 Ба Ту ва танҳо ба Ту хато кардаам,
ва пеши назари Ту бадӣ кардаам,
бинобар ин Ту дар ҳукми Худ барҳақ ҳастӣ
ва дар доварии Худ пок+.
7 Инак, ман дар гуноҳ офарида шудаам,
ва модарам дар хато ба ман ҳомила гардидааст+.
8 Инак, Ту ростиро дар замирам хоҳон ҳастӣ,
ва дар ботинам ҳикматро ба ман меомӯзӣ.
9 Маро бо зуфо татҳир намо, ва ман пок хоҳам шуд;
маро шустушӯй кун, ва ман аз барф сафедтар хоҳам шуд+.
10 Маро аз шодӣ ва хурсандӣ баҳраманд гардон,
то устухонҳое ки Ту шикастаӣ, хушнӯд шавад.
11 Рӯи Худро аз хатоям бипӯшон,
ва ҳамаи гуноҳҳои маро маҳв кун.
12 Худоё, дили поке дар ман биофарин,
ва рӯҳи дурусте дар ботинам нав бикун+.
13 Маро аз пеши Худ дур наандоз,
ва Руҳулқудси Худро аз ман нагир.
14 Шодии наҷоти Худро ба ман баргардон,
ва бо рӯҳи олиҳимматӣ маро дастгирӣ намо.
15 Ба ҷинояткорон роҳҳои Туро таълим хоҳам дод,
ва хатокорон сӯи Ту руҷӯъ хоҳанд кард.
16 Маро аз хунҳо бираҳон, эй Худо, ки Худои наҷоти ман ҳастӣ,

то забонам адолати Туро тараннум намояд+.
17 Худовандо! Лабҳои маро бикшо,
ва забонам ҳамду санои Туро хоҳад гуфт;
18 Зеро ки Ту қурбониро намехоҳӣ, вагар на меовардам;
ба қурбонии сӯхтанӣ таваҷҷӯҳ намекунӣ+.
19 Қурбониҳои дилхоҳи Худо рӯҳи шикаста аст;
дили шикаста ва залилро Ту, эй Худо, хор нахоҳӣ дид+.
20 Бо ҳусни таваҷҷӯҳи Худ ба Сион некӣ бикун;
ҳисорҳои Ерусалимро барпо намо+.
21 Он гоҳ қурбониҳои адолат
ва қурбониҳои сӯхтанӣ ба Ту писанд хоҳад афтод;
он гоҳ бар қурбонгоҳи Ту гӯсолаҳоро хоҳанд овард+.

# ТАРОНАИ ПАНҶОҲУ ЯКУМ

## Мазамммати ғурури шарирон.

1 Барои сардори муғанниён. Суруди таълимии Довуд,
2 Вақте ки Дӯэги Адӯмӣ омада, ба Шоул хабар дода гуфт, ки Довуд
ба хонаи Аҳималик омадааст+.
3 Чаро ба бадӣ фахр мекунӣ, эй зӯровар?
Эҳсони Худо ҳамеша бо мост.
4 Забонат суханони фитнаангез мебофад;
он мисли покуи тез аст, эй маккор!+
5 Бадиро аз некӣ бештар дӯст медорӣ,
ва дурӯғро аз ҳақгӯӣ бештар. Село.
6 Ҳар гуна суханони фосидонаро дӯст медорӣ,
эй забони ҳилагар!
7 Худо низ туро ба сурати абадӣ вожгун хоҳад намуд,
туро бе беху буньёд карда, аз хаймаат бадар хоҳад ронд,
ва решаи туро аз замини зиндаҳо. Село+.
8 Ва одилон инро дида, ҳаросон хоҳанд шуд,
ва ба ҳоли вай хоҳанд хандид:+
9 «Ин аст марде ки Худоро истеҳкоми худ надонист,
балки ба фаровонии сарвати худ таваккал кард
ва дар ҳирси худ қоим буд»+.
10 Валекин ман мисли зайтуни сабзу хуррам дар хонаи Худо ҳастам,
ва ба эҳсони Худо таваккал менамоям то абад+.
11 Туро ҳамеша ҳамд хоҳам гуфт, зеро ки инро Ту ба амал овардаӣ;
ва ба исми Ту умед хоҳам баст, зеро ки он ба ҳузури порсоёни Ту
некӯст.

## ТАРОНАИ ПАНҶОҲУ ДУЮМ

### Нокасии шарирони бехудо.

### Ваъдаи халосӣ ба баргузидагон.

1 •Барои сардори муғанниён бар сози нафасӣ. Суруди таълимии
Довуд.
2 Нокас дар дили худ гуфт: «Худо нест».
Онҳо фосид шудаанд ва корҳои зишт кардаанд;
некӯкоре нест+.
3 Худо аз осмон ба банӣ-одам назар андохт,
то бубинад, ки оё касе соҳибфаҳм ва толиби Худо ҳаст+?
4 Ҳама ақиб гаштаанд, бо ҳамдигар фосиқ шудаанд;
некӯкоре нест, як нафар ҳам нест+.
5 Оё бадкирдорон фаҳм намекунанд,
ки қавми Маро мехӯранд, чунон ки нон мехӯранд?
Худоро нахондаанд+.
6 Он вақт сахт ҳаросон шуданд, дар сурате ки ҷои ҳарос набуд;
зеро ки Худо устухонҳои муҳосиракунандаи туро парешон кард.
Онҳоро хиҷил кардаӣ, чунки Худо онҳоро рад кард+.
7 Кошки наҷоти Исроил аз Сион ба амал ояд!
Вақте ки Худо асирони қавми Худро баргардонад,
Яъқуб хурсанд ва Исроил шод хоҳад шуд.

## ТАРОНАИ ПАНҶОҲУ СЕЮМ

## Дуо дар бораи наҷот додан аз душманон.

1 Барои сардори муғанниён бар созҳои торнок. Суруди таълимии Довуд,+

2 Вақте ки зифиён назди Шоул омада, гуфтанд: «Оё Довуд назди мо пинҳон нашудааст?»

3 Худоё! Ба исми Худ маро наҷот деҳ,
ва ба қудрати Худ маро дар доварӣ ҳимоят намо.
4 Худоё! Дуоямро бишнав;
ба гуфтори забонам гӯш андоз,
5 Зеро ки бегонаҳо бар ман қиём кардаанд,
ва ситамгарон қасди ҷонам доранд;
Худоро пеши назари худ намеоваранд. Село+.
6 Инак, Худо мададгори ман аст;
Худованд ҷонамро тақвият медиҳад.
7 Бадиро бар мухолифонам хоҳад баргардонид;
бо ростии Худ онҳоро маҳв намо+.
8 Аз самими қалб ба Ту қурбониҳо меоварам;
исми Туро, эй Худованд, ҳамд мегӯям, чунки некӯст;
9 Зеро ки аз ҳамаи тангиҳо Ту маро раҳо кардаӣ,
ва чашми ман шикасти душманонамро дидааст+.

## ТАРОНАИ ПАНҶОҲУ ЧОРУМ

## Дуо дар бораи наҷот додан аз хоинон.

1 Барои сардори муғанниён бар созҳои торнок. Суруди таълимии Довуд.
2 Ба дуоям, эй Худо, гӯш андоз,
ва аз истиғосаи ман пинҳон нашав;
3 Ба ман диққат намо, ва маро иҷобат бикун;
дар изҳори дарди дили худ менолам, ва оҳи ҷигарсӯз мекашам+
4 Аз овози душман, аз зулми шарир;
зеро ки дар ҳаққи ман ҷафо мекунанд,
ва бо ғазаб ба ман адоват доранд.
5 Дилам андаруни ман сахт метапад,
ва бимҳои мамот бар ман афтодааст.
6 Тарсу ларз бар ман ғолиб омадааст,
ва даҳшат маро фаро гирифтааст.
7 Ва ман гуфтам: «Кошки ман мисли кабӯтар болу пар медоштам:
парвоз карда, фароғат меёфтам;
8 Ба ҷойҳои дур парида мерафтам,
дар биёбон маскан мегирифтам. Село+.
9 Мешитофтам, то ки аз тундбод
ва аз шамоли тӯфон паноҳ шавам».
10 Забонҳои онҳоро, эй Худованд, саргум ва аз ҳам ҷудо намо,
зеро ки дар шаҳр зулм ва ҷангу ҷидол дидаам:+
11 Рӯзу шаб бар ҳисорҳои он мегарданд;
ҷафо ва хабосат андаруни он;
12 Фалокатҳо андаруни он;
макру фиреб аз кӯчаҳои он дур намешавад.
13 Зеро ки на душман маро мазаммат мекунад, —
ман ба ин тоқат меовардам;
на бадхоҳам бар ман такаббур менамояд, —
ман аз вай пинҳон мешудам;
14 Балки ту, эй марди ҳамвазни ман,
эй ҳамдам ва ҳамроҳи ман,
15 Ки ба ҳамдигар рози дил мегуфтем,

ва дар хонаи Худо бо ҳаяҷон мехиромидем+.
16 Марги муфоҷот бар онҳо биёр:
бигзор зинда ба зинда ба дӯзах раванд,
зеро ки бадиҳо дар маскани онҳост, андаруни онҳост+.
17 Ман сӯи Худо мехонам,
ва Худованд маро наҷот хоҳад дод.
18 Шомгоҳ ва субҳ ва нимирӯзӣ шиква
ва нолиш менамоям, ва Ӯ овози маро хоҳад шунид;
19 Ҷонамро аз ҷангу ҷидоли зидди ман ба саломатӣ раҳо кард,
зеро ки бисьёр касон ба ман муқобил буданд.
20 Худо маро хоҳад шунид, ва Ӯ, ки аз азал бар курсии доварӣ нишастааст,
онҳоро фурӯ хоҳад нишонд. Село.
Чунки дигаргуниҳо ба сари онҳо наомадааст,
ва онҳо аз Худо наметарсанд+.
21 Вай дасти худро бар зидди дӯстони худ дароз кардааст,
аҳди худро шикастааст;+
22 Забонаш хушомад мезанад,
вале дилаш пур аз кина аст;
суханонаш аз равған нармтар аст,
валекин шамшерҳои бараҳна аст+.
23 Бори дилатро ба Худованд парто, ва Ӯ ба ту ғамхорӣ хоҳад кард.
Ӯ ҳаргиз нахоҳад гузошт, ки одил фурӯ ғалтад+.
24 Ва Ту, эй Худо, онҳоро дар чоҳи ҳалокат хоҳӣ андохт;
хунхӯрон ва маккорон ба нисфи умри худ нахоҳанд расид.
Валекин ман ба Ту таваккал хоҳам кард+.

## ТАРОНАИ ПАНҶОҲУ ПАНҶУМ

### Таваккал кардан ба Худо дар вақти таъқиботи душманон.

1 Барои сардори муғанниён. Оид ба кабӯтари сокит дар мавзеи
дур. Суруди Довуд, вақте ки фалиштиён ӯро дар Ҷот дастгир
карданд+.
2 Ба ман марҳамат намо,
эй Худо! Зеро ки одамизод мехоҳад маро поймол кунад;
ҳар рӯз ҷангҷӯ маро фишор медиҳад.
3 Мухолифонам ҳар рӯз мехоҳанд маро поймол кунанд;
зеро ки бисьёр касон бо ман меҷанганд, эй Ҳаққи Таоло!
4 Рӯзе ки ба ҳарос меафтам, ба Ту таваккал хоҳам кард.
5 Дар Худо каломи Ӯро мадҳ хоҳам кард;
ба Худо таваккал кардаам, наметарсам;
одамизод ба ман чӣ метавонад бикунад+?
6 Ҳар рӯз суханонамро таҳриф мекунанд;
ҳамаи андешаҳошон нисбат ба ман барои бадист.
7 Ҷамъ шуда, камин мегиранд, қадамҳоямро мепоянд,
чунки қасди ҷонам доранд+.
8 Наход ки онҳо аз мукофоти ҷафои худ мегурехта бошанд?
Қавмҳоро дар ғазаби Худ вожгун бикун, эй Худо!
9 Оворагардии маро Ту ба ҳисоб гирифтаӣ;
ашкҳоямро дар машки Худ биандоз, —
оё ин дар дафтари Ту нест+?
10 Он гоҳ, рӯзе ки Туро бихонам, душманонам ақиб хоҳанд гашт;
инро медонам, зеро ки Худо бо ман аст.
11 Дар Худо каломро мадҳ хоҳам кард,
дар Худованд каломро мадҳ хоҳам кард.
12 Ба Худо таваккал кардаам, наметарсам;
одамизод ба ман чӣ метавонад бикунад?
13 Назрҳои Ту, эй Худо, бар ман аст;
қурбониҳои шукронаро пеши Ту хоҳам овард,+
14 Зеро ки ҷонамро аз мамот халосӣ додаӣ;
оё пойҳоямро аз лағжидан нигоҳ нахоҳӣ дошт,
то ки дар нури ҳаёт пеши Худованд роҳ равам+?

## ТАРОНАИ ПАНҶОҲУ ШАШУМ

## Ҳамду сано дар шаъни Худо барои наҷот додан аз душманон.

1 •Барои сардори муғанниён. Нобуд накун. Суруди Довуд, вақте ки
ӯ аз пеши Шоул ба мағора гурехт+.
2 Ба ман марҳамат намо, эй Худо, ба ман марҳамат намо!
Зеро ки ҷонам ба Ту паноҳ мебарад,
ва дар сояи болҳои Ту паноҳ мебарам,
то даме ки фалокатҳо бигзарад+.
3 Сӯи Худои Таоло мехонам,
сӯи Худое ки ҳама чизро барои ман муҳайё мекунад:
4 Аз осмон фиристода, маро наҷот хоҳад дод;
поймолкунандаи маро шарманда хоҳад кард. Село.
Худо эҳсон ва ростии Худро хоҳад фиристод+.
5 Ҷонам дар миёни шерон аст;
дар миёни одамхӯроне сокинам,
ки дандонҳошон найза ва тирҳост,
ва забонашон шамшери буррост+.
6 Бар осмонҳо баланд шав, эй Худо,
ва ҷалоли Ту бар тамоми замин бод!
7 Доме барои пойҳоям тайёр кардаанд;
ҷонам афсурда шудааст;
чоҳе барои ман канданд,
аммо худашон дар он афтоданд. Село+.
8 Дилам қавист, эй Худо, дилам қавист;
суруд хоҳам хонд ва хоҳам сароид+.
9 Эй ҷалолам, бедор шав!
Эй уд ва барбат, бедор шав!
Ман субҳидамро бедор хоҳам кард+.
10 Туро, эй Худованд, дар миёни қавмҳо ҳамд хоҳам гуфт;
Туро дар миёни қабилаҳо хоҳам сароид.
11 Зеро ки эҳсони Ту бузург аст то осмонҳо,
ва ростии Ту то афлок+.
12 Бар осмонҳо баланд шав, эй Худо,
ҷалоли Ту бар тамоми замин бод!

## ТАРОНАИ ПАНҶОҲУ ҲАФТУМ

## Худо бар доварони ноинсофи замин доварӣ менамояд.

1 Барои сардори муғанниён. Нобуд накун. Суруди Довуд+.
2 Оё шумо, эй доварон, ҳақиқатан аз рӯи инсоф ҳукм мекунед
ва банӣ-одамро аз рӯи ростӣ доварӣ менамоед?
3 Ба яқин шумо дар дили худ ноинсофиҳо ба амал меоваред,
зулми дастҳои худро дар замин бар тарозу мемонед.
4 Шарирон аз аввали таваллуди худ кач мераванд;
аз шиками модар козибон гумроҳ мешаванд+.
5 Заҳри онҳо мисли заҳри мор аст,
мисли мори айнакдори кар, ки гӯшашро мепӯшад,+
6 Ва овози афсунгаронро намешунавад,
агарчи дар афсун бағоят моҳиранд.
7 Худоё! Дандонҳои онҳоро дар даҳонашон бишкан;
дандонҳои пеши шеронро пора-пора намо,
эй Худованд!+
8 Бигзор онҳо мисли обе ки ҷорист, нест шаванд;
вақте ки тирҳои худро омода мекунанд,
мисли гард парешон шаванд;
9 Мисли тӯқумшуллуке ки аз назар ғоиб мешавад,
нест шаванд;
мисли афгонаи зан рӯи офтобро набинанд;+
10 Пеш аз он ки дегҳои шумо оташи хорҳоро ҳис кунад,
ҳам гӯшти нопухта ва ҳам оташро шамол лесида барад.
11 Одил, чун интиқомро дид, шод хоҳад шуд,
пойҳои худро дар хуни шарир хоҳад шуст+.
12 Ва одамизод хоҳад гуфт: «Ба яқин самаре барои одил ҳаст!
Ба яқин Худое ҳаст, ки бар замин доварӣ мекунад!»+

## ТАРОНАИ ПАНҶОҲУ ҲАШТУМ

### Дуо дар бораи ҳимоят кардани Худо аз дасти таъқибкунандагони бадқасд.

1 Барои сардори муғанниён. Нобуд накун. Суруди Довуд, вақте ки
Шоул фиристод, ки хонаро қаровулӣ кунанд, то ӯро бикушанд+.
2 Маро аз душманонам халосӣ деҳ, эй Худои ман!
Маро аз мухолифонам пуштибонӣ намо+.
3 Маро аз бадкирдорон халосӣ деҳ
ва аз хунхӯрон наҷот деҳ.
4 Зеро инак, бар ҷонам камин мегиранд;
пурзӯрон ба муқобили ман ҷамъ мешаванд,
бе он ки ҷинояте ба амал оварда бошам
ва бе он ки хатое содир карда бошам, эй Худованд!+
5 Бе он ки гуноҳе дошта бошам, мешитобанд ва омода мешаванд;
ба ёрии ман бедор шав ва назар андоз.
6 Валекин Ту, эй Худованд, эй Худои лашкарҳо,
эй Худои Исроил, бархоста ҳамаи халқҳоро сазо деҳ,
ба ҳеҷ як хоини ҷафокор раҳм накун. Село.
7 Шомгоҳ бармегарданд, чун сагон нула мекашанд,
ва шаҳрро давр мезананд+.
8 Инак, бо даҳони худ мелаққанд;
шамшерҳо дар лабҳои онҳост;
зеро, ба гумонашон, «кист, ки бишнавад?»
9 Валекин Ту, эй Худованд, бар онҳо хоҳӣ хандид;
ҳамаи халқҳоро тамасхур хоҳӣ кард+.
10 Бар хилофи қуввати онҳо, Туро интизорӣ мекашам,
зеро Худо паноҳгоҳи ман аст+.
11 Худои эҳсонкори ман ба ёрии ман хоҳад шитофт;
Худо нокомии мухолифонамро ба ман нишон хоҳад дод+.
12 Онҳоро накуш, ки мабодо қавмам фаромӯш кунанд;
онҳоро бо қуввати Худ сарсону саргардон карда,
зеру забар намо, эй Худованд, ки сипари мо ҳастӣ+.
13 Каломи лабҳошон хатои даҳони онҳост;
пас, бигзор дар кибри худашон гирифтор шаванд,

ба сababи лаънат ва дурӯғе ки мегӯянд+.
14 Кори онҳоро тамом кун, дар ғазабат тамом кун, то ки нест шаванд;
ва бидонанд, ки Худо дар Яъқуб то ақсои замин ҳукмфармост. Село.
15 Ва бигзор шомгоҳ баргашта,
чун сагон нула кашанд ва шаҳрро давр зананд;+
16 Дар ба дар гашта, хӯроке биҷӯянд,
ва сер нашуда, забон ба шиква кушоянд.
17 Валекин ман қуввати Туро хоҳам сароид
ва субҳидам эҳсони Туро тараннум хоҳам кард,
зеро ки Ту паноҳгоҳи ман ҳастӣ,
ва гурезгоҳе дар рӯзи тангии ман+.
18 Эй қуввати ман! Туро хоҳам сароид,
зеро ки Худо паноҳгоҳи ман аст, Худое ки ба ман эҳсон мекунад.

# ТАРОНАИ ПАНҶОҲУ НӮҲУМ

## Дуо дар бораи мадад расонидани Худо дар вақти ҷанги нобарор.

1 •Барои сардори муғанниён бар сози шушан-эдут. Суруди
таълимии Довуд,+
2 Вақте ки ӯ бо Арам-Наҳрайн ва бо Арам-Суба меҷангид, ва Юоб
баргашта, дувоздаҳ ҳазор адӯмиёнро дар водии Намак кушт+.
3 Худоё! Моро партофтаӣ, моро рахна кунондаӣ,
бар мо ғазабнок шудаӣ; сӯи мо баргард+.
4 Заминро ба ларзиш овардаӣ, кафондаӣ:
шикастапораҳои онро шифо деҳ,
зеро ки ба нокомӣ дучор шудааст.
5 Ба сари қавми Худ душвориҳо овардаӣ,
моро шароби заҳролуд нӯшондаӣ+.
6 Ба тарсгорони Худ байрақ додаӣ,
то ки онро барои ростӣ барафрозанд. Село.
7 Барои он ки дӯстони Ту халосӣ ёбанд,
бо ямини Худ наҷот деҳ, ва маро иҷобат намо.
8 Худо дар қудси Худ гуфтааст:
«Хурсанд хоҳам шуд, Шакемро тақсим хоҳам кард,
ва водии Суккӯтро чен хоҳам намуд+.
9 Ҷилъод аз они Ман аст ва Менашше аз они Ман;
Эфроим хӯди Ман аст, Яҳудо чӯбдасти салтанати Ман;
10 Мӯоб тоси шустушӯи Ман аст;
бар Адӯм кафши Худро хоҳам партофт.
Барои Ман фарьёд зан, эй замини Фалиштӣ!»
11 Кист, ки маро ба шаҳри ҳисордор дарорад?
Кист, ки маро то ба Адӯм ҳидоят намояд?
12 Оё на Ту, эй Худо, моро партофтаӣ,
ва бо лашкарҳои мо, эй Худо, берун намеоӣ?
13 Ба мо аз дасти аду ёварӣ намо,
зеро ки мадади одамизод ҳеҷ аст+.
14 Бо Худо комьёб хоҳем шуд,
ва Ӯ адуёни моро хоку туроб хоҳад кард.

# ТАРОНАИ ШАСТУМ

## Дуои подшоҳи мазлум.

1 Барои сардори муғанниён бар сози торнок. Таронаи Довуд.
2 Тазарруи маро, эй Худо,
бишнав, дуоямро иҷобат намо.
3 Аз ақсои замин сӯи Ту мехонам, дар сурате ки дилам мадҳуш мешавад:
маро ба кӯҳпорае ки аз ман баландтар аст, ҳидоят намо;
4 Зеро ки Ту паноҳгоҳи ман будӣ,
ва бурҷи қуввае аз душман+.
5 Дар хаймаи Ту то абад сокин хоҳам буд,
ва дар зери сояи болҳои Ту паноҳ хоҳам ёфт. Село+.
6 Зеро ки Ту, эй Худо, назрҳои маро шунидаӣ,
ва мероси тарсгорони исми Худро ато кардаӣ.
7 Рӯзҳо бар рӯзҳои подшоҳ биафзой,
ва солҳои ӯро то абадуддаҳр+.
8 Ӯ то абад ба ҳузури Худо хоҳад нишаст;
эҳсон ва ростиро амр фармо, ки ӯро нигаҳбонӣ кунанд.
9 Ва ман исми Туро то абад хоҳам сароид,
чун ҳар рӯз назрҳои худро адо намоям+.

## ТАРОНАИ ШАСТУ ЯКУМ

## Оромӣ танҳо дар Худо мебошад.

1 Барои сардори муғанниён, Едутун. Таронаи Довуд+.
2 Танҳо дар Худо ҷонам ором меёбад; наҷотам аз Ӯст.
3 Танҳо Ӯст кӯҳпораи ман,
наҷоти ман ва паноҳгоҳи ман: сахт фурӯ нахоҳам ғалтид+.
4 То ба кай ба марде ҳамла мекунед,
то ки ӯро ҳамаатон ба ҳалокат бирасонед,
ба монанди девори хамида ва тавораи калавида?
5 Танҳо қасди он доранд, ки ӯро аз мартабааш сарнагун созанд;
кизбро дӯст медоранд: бо забони худ баракат медиҳанд,
вале андаруни худ лаънат мегӯянд. Село+.
6 Танҳо дар Худо ором ёб, эй ҷонам!
Зеро ки умедам аз Ӯст.
7 Танҳо Ӯст кӯҳпораи ман, наҷоти ман ва паноҳгоҳи ман:
фурӯ нахоҳам ғалтид.
8 Наҷоти ман ва ҷалоли ман дар Худост;
кӯҳпораи қуввати ман ва паноҳгоҳи ман дар Худост.
9 Ҳама вақт ба Ӯ таваккал кунед, эй қавм!
Дилҳои худро ба ҳузури Ӯ холӣ кунед;
Худо паноҳгоҳи мост. Село.
10 Банӣ-одам чизи бекоранд, фарзандони инсон ба сони кизб:
агар ба тарозу гузошта шаванд, ҳамаашон якҷоя аз ҳеҷ ҳам камтаранд+.
11 Ба истисмор таваккал накунед, ва бо тороҷ наболед;
вақте ки сарват биафзояд, ба он дил нabandед+.
12 Худо як карат гуфтааст,
ва ду карат инро шунидаам, ки қувват дар Худост;+
13 Ва эҳсон, эй Худованд, дар Туст,
зеро ки Ту ба ҳар кас мувофиқи аъмолаш подош хоҳӣ дод+.

## ТАРОНАИ ШАСТУ ДУЮМ

## Иштиёқи муоширати бо Худо.

1 Таронаи Довуд, вақте ки ӯ дар биёбони Яҳудо буд+.
2 Худоё! Ту Худои ман ҳастӣ, Туро ҳамеша меҷӯям;
ҷонам ташнаи Туст, ва ҷисмам пазмони Ту,
дар замини хароба ва бемаҷоле ки об надорад+.
3 Ҳамин тавр дар қудс бар Ту менигаристам,
вақте ки ба дидани қувват ва ҷалоли Ту меомадам.
4 Зеро ки эҳсони Ту аз ҳаёт некӯтар аст;
лабҳоям Туро ситоиш хоҳад кард+.
5 Ҳамин тавр Туро тамоми умри худ муборак хоҳам хонд;
ба исми Ту кафҳои худро боло хоҳам кард+.
6 Ҷонам чун аз хӯроки равғанин ва лазиз сер хоҳад шуд,
ва даҳонам бо лабҳои шодмон Туро мадҳ хоҳад кард.
7 Вақте ки Туро бар бистари худ ба ёд меоварам,
ҳамаи посҳои шаб дар бораи Ту фикру хаёл мекунам,+
8 Зеро ки Ту мададгори ман будӣ,
ва дар сояи болҳои Ту шодӣ хоҳам кард+.
9 Ҷонам ба Ту часпидааст;
ямини Ту маро дастгирӣ менамояд.
10 Валекин онҳое ки толиби маҳв кардани ҷони мананд,
ба таҳтуттуроб хоҳанд рафт+.
11 Онҳоро аз дами шамшер хоҳанд гузаронд;
онҳо тӯъмаи шағолон хоҳанд шуд.
12 Ва подшоҳ дар Худо шодӣ хоҳад кард;
ҳар кӣ ба Ӯ қасам ёд кунад, фахр хоҳад кард,
зеро ки даҳони дурӯғгӯён баста хоҳад шуд+.

## ТАРОНАИ ШАСТУ СЕЮМ

## Дуо дар бораи мадад расонидани Худо бар зидди бӯҳтонгӯён.

1 Барои сардори муғанниён. Таронаи Довуд.
2 Эй Худо, овозамро бишнав, вақте ки зорӣ мекунам;
ҷонамро аз біми душман нигаҳбонӣ намо+.
3 Маро аз қасди бадкешон пинҳон бикун,
ва аз ҳаёҳуи бадкирдорон,+
4 Ки забони худро мисли шамшер тез кардаанд,
тирҳои худ — суханони талхро ба зеҳ овардаанд,+
5 То ки аз камингоҳи худ ба беайбе биандозанд;
баногоҳ ба вай меандозанд ва наметарсанд+.
6 Ба бадкории худ қоиманд;
барои ниҳодани домҳои ниҳонӣ забон як мекунанд;
мегӯянд: «Кист, ки моро бубинад?»+
7 Ноинсофиҳо меандешанд, ва мегӯянд:
«Андешаи хубе кардаем»;
ва умқи ботину дили ҳар яке пур аз макр аст.
8 Валекин Худо ба онҳо тир хоҳад андохт:
баногоҳ зарбаҳо хоҳанд хӯрд+.
9 Ва бо забонҳои худ ба худашон шикаст хоҳанд расонд;
ҳар кӣ онҳоро бинад, бо нафрат калла хоҳад ҷунбонд+.
10 Он гоҳ ҳамаи одамон хоҳанд тарсид,
ва корномаи Худоро эълон хоҳанд намуд,
ва аъмоли Ӯро фаҳм хоҳанд кард.
11 Одил дар Худованд шодӣ карда, ба Ӯ паноҳ хоҳад бурд,
ва ҳамаи ростдилон фахр хоҳанд кард+.

## ТАРОНАИ ШАСТУ ЧОРУМ

## Шукрона барои атоҳои осмон ва замин.

1 Барои сардори муғанниён. Таронаи Довуд. Суруд.
2 Туро, эй Худо, дар Сион ҳамду сано мунтазир аст,
ва назрҳо ба Ту адо карда хоҳад шуд+.
3 Азбаски дуоро мешунавӣ,
тамоми навъи башар назди Ту хоҳанд омад+.
4 Гуноҳкориҳо бар ман ғолиб омадааст:
ҷиноятҳои маро Ту кафорат хоҳӣ кард+.
5 Хушо касе ки Ту ӯро баргузидаӣ ва муқарраби Худ гардондаӣ,
то ки ба саҳнҳои Ту сокин шавад.
Аз неъматҳои хонаи Ту,
аз қудсияти қасри Ту сер хоҳем шуд+.
6 Бо корномаҳои саҳмгин аз рӯи адолат моро иҷобат хоҳӣ намуд, эй Худои наҷоти мо,
ки Ту паноҳи тамоми ақсои замин ва ҷазираҳои дурдасти баҳр ҳастӣ;+
7 Кӯҳҳоро бо қуввати Худ барпо кардаӣ;
бо қудрат камар бастаӣ;
8 Талотуми баҳрҳоро — талотуми мавҷҳои онҳоро,
ва ошӯби қабилаҳоро сокит мекунӣ+.
9 Ва сокинони ақсои замин аз аломоти Ту ҳаросонанд;
баромадгоҳҳои субҳ ва шомро шод мегардонӣ.
10 Ба замин назар карда, онро сероб намудаӣ,
онро бисьёр сарватдор кардаӣ;
ҷӯйбори Худо пур аз об аст;
ғаллаи онҳоро муҳайё менамой,
зеро ки онро чунин тайёр кардаӣ+.
11 Чӯякҳои онро обшор, дӯнгиҳои онро ҳамвор мекунӣ,
бо боронҳо онро нарм месозӣ,
набототи онро баракат медиҳӣ.
12 Бо файзи Худ солро тоҷ мебахшӣ,
ва аз қадамгоҳи Ту равған мечакад;
13 Аз чарогоҳҳо низ равған мечакад,

ва талҳо ба шодмонӣ камар мебандад+.
14 Марғзорҳо бо рама ва водиҳо бо ғалла пӯшида шудаанд;
бонги шодӣ мезананд ва суруд мехонанд.

## ТАРОНАИ ШАСТУ ПАНҶУМ

### Шукрона ва мадҳ дар шаъни Худо барои дуое ки мустаҷоб шудааст.

1 Барои сардори муғанниён. Суруд. Тарона.
Эй тамоми аҳли замин, дар шаъни Худо бонги шодӣ занед+.
2 Ҷалоли исми Ӯро бисароед;
ҳамду санои Ӯро ҷалол диҳед.
3 Ба Худо бигӯед: «Чӣ саҳмгин аст аъмоли Ту!
Аз бузургии қуввати Ту душманонат ба Ту бо тамаллуқ мутеъ хоҳанд шуд+.
4 Тамоми аҳли замин ба Ту саҷда хоҳанд кард
ва Туро хоҳанд сароид;
исми Туро хоҳанд сароид». Село+.
5 Биёед ва корномаҳои Худоро бубинед;
дар амалиёти Худ бар банӣ-одам саҳмгин аст+.
6 Баҳрро ба хушкӣ табдил дод;
пои пиёда аз дарьё гузаштанд;
он ҷо дар Ӯ хурсандӣ кардем+.
7 Бо қудрати Худ бар ҷаҳон ҳукмфармост;
чашмони Ӯ ба халқҳо менигарад;
исьёнгарон сар нахоҳанд бардошт. Село.
8 Эй қавмҳо, Худои моро муборак хонед,
ва овози ҳамду санои Ӯро бишнавонед,
9 Ки Ӯ ҷонҳои моро дар ҳаёт боқӣ гузошт,
ва пойҳои моро намонд, ки фурӯ ғалтад.
10 Зеро ки моро, эй Худо, имтиҳон кардӣ;
моро гудохтӣ, чунон ки нуқраро мегудозанд+.
11 Моро ба дом даровардӣ;
бори гароне бар камари мо гузоштӣ+.
12 Одамизодро бар сари мо савор кардӣ;
ба оташ ва об даромадем,
ва моро ба мавзеи пурфайз баровардӣ+.
13 Ба хонаи Ту бо қурбониҳои сӯхтанӣ хоҳам омад,
назрҳои худро ба Ту адо хоҳам кард,+

[14] Ки онҳо аз лабҳоям берун омадаанд,
ва забонам дар тангии ман онҳоро ифода намудааст.
[15] Қурбониҳои сӯхтании бӯрдоқӣ ба Ту хоҳам овард, бо бухури
қӯчқорҳо;
нарговҳо ва такаҳо барои қурбонӣ муҳайё хоҳам кард. Село.
[16] Биёед, бишнавед, эй ҳамаи тарсгорони Худо,
то он чиро, ки Ӯ барои ҷонам кардааст, ҳикоят намоям+.
[17] Бо даҳонам сӯи Ӯ хондам,
ва мадхия бар забонам буд.
[18] Агар дар дили худ талбисро медидам,
Худованд маро намешунид+.
[19] Аммо Худо шунид, ба овози дуоям диққат дод.
[20] Муборак аст Худо, ки дуоямро рад нанамуд
ва эҳсони Худро аз ман дур накард.

## ТАРОНАИ ШАСТУ ШАШУМ

## Суруд дар бораи ҳамди ҳамаи халқҳо дар шаъни Худованд.

1 Барои сардори муғанниён бар созҳои торнок. Тарона. Суруд.
2 Худо ба мо шафқат хоҳад кард ва моро баракат хоҳад дод;
рӯи Худро ба мо мунаввар хоҳад намуд, село,+
3 То ки роҳи Ту дар замин шинохта шавад,
ва наҷоти Ту дар ҳамаи халқҳо+.
4 Туро, эй Худо, қавмҳо ҳамд хоҳанд гуфт;
Туро ҳамаи қавмҳо ҳамд хоҳанд гуфт.
5 Қабилаҳо хурсандӣ ва тараннум хоҳанд кард,
зеро ки қавмҳоро аз рӯи адолат доварӣ менамоӣ,
ва қабилаҳоро дар замин ҳидоят мекунӣ. Село+.
6 Туро, эй Худо, қавмҳо ҳамд хоҳанд гуфт;
Туро ҳамаи қавмҳо ҳамд хоҳанд гуфт.
7 Замин ҳосили худро дод;
Худо, Худои мо, моро баракат хоҳад дод+.
8 Худо моро баракат хоҳад дод,
ва тамоми ақсои замин аз Ӯ хоҳанд тарсид.

## ТАРОНАИ ШАСТУ ҲАФТУМ

## Суруди музаффарона дар шаъни Худованд Худо.

1 Барои сардори муғанниён. Таронаи Довуд. Суруд.
2 Худо хоҳад бархост, душманони Ӯ пароканда хоҳанд шуд,
ва бадхоҳони Ӯ аз пеши Ӯ хоҳанд гурехт+.
3 Мисли он ки дуд пароканда мешавад, Ту онҳоро пароканда намо;
мисли он ки мум аз оташ гудохта мешавад,
шарирон аз ҳузури Худо нест хоҳанд шуд+.
4 Аммо одилон шодӣ хоҳанд кард, пеши Худо хурсанд хоҳанд шуд,
ва аз шодмонӣ ба ваҷд хоҳанд омад+.
5 Дар шаъни Худо суруд хонед, исми Ӯро бисароед;
барои Ӯ, ки бар осмонҳо савор аст, роҳе тайёр кунед;
исми Ӯ Худованд аст, ва пеши Ӯ ба ваҷд оед+.
6 Падари ятимон ва довари бевазанон аст Худо
дар маскани қудси Худ+.
7 Худо оворагонро ба хонаашон бармегардонад,
бандиёнро аз завлонаҳо берун меоварад;
аммо исьёнгарон дар биёбони тафсон сокин хоҳанд шуд+.
8 Худоё! Вақте ки Ту пеши қавми Худ берун омадӣ,
вақте ки Ту дар биёбон қадамгузор шудӣ, село,+
9 Замин ба ларза афтод,
ҳатто осмон аз ҳузури Худо ба боридан даромад;
ин Сино низ аз ҳузури Худо, ки Худои Исроил аст+.
10 Борони пурфайз борондӣ, эй Худо;
мероси Худро, ки лакот буд, пурзӯр гардондӣ.
11 Қавми Ту дар он ҷо сокин шуданд;
аз рӯи меҳрубонии Худ, эй Худо, хоҷати камбағалро раво кардӣ.
12 Худованд амр мефармояд;
мубашширзанон анбӯҳи азиманд.
13 Подшоҳони лашкаркаш гурезогурез мекунанд;
ва зани хонанишин ғаниматро тақсим мекунад+.
14 Агарчи байни оғилҳо фароғат доштед,
болҳои кабӯтар* бо нуқра пӯшида шуд,
ва парҳояш бо зари холис.

[15] Вақте ки Қодир подшоҳонро дар он пароканда намуд,
кӯҳи Салмӯнро барф зер кард+.
[16] Кӯҳи худоён кӯҳи Бошон аст;
кӯҳи сар ба фалак афрошта кӯҳи Бошон аст.
[17] Чаро шумо, эй кӯҳҳои сар ба фалак кашида,
бо ҳасад менигаред ба кӯҳе ки Худо онро маскани Худ ихтиёр кардааст?
Худованд бар он то абад сокин хоҳад буд+.
[18] Аробаҳои Худо беҳадду ҳисоб аст, ҳазорон ҳазор аст;
Худованд дар миёни онҳост,
чунон ки дар қудсияти Худ бар Сино буд+.
[19] Ба афроз сууд намудаӣ, асиронро ба асирӣ бурдаӣ,
аз байни одамон бахшишҳо гирифтаӣ,
ва аз байни исьёнгарон низ, то ки Ту, эй Худованд Худо, бар он афроз сокин бошӣ+.
[20] Муборак аст Худованд, ки ҳар рӯз бори моро мебардорад,
Худое ки наҷоти мост, село,+
[21] Худое ки барои мо Худои наҷот аст;
ва роҳҳои халосӣ аз мамот дар дасти Худованд Худост.
[22] Ба яқин Худо сари душманони Худро хоҳад кӯфт;
фарқи сари мӯйдори касеро,
ки бо роҳи айбҳои худ як зайл равон бошад+.
[23] Худованд гуфт: «Аз Бошон хоҳам баргардонд,
аз қаъри баҳр хоҳам баргардонд,+
[24] То ки пои ту дар хун ғӯта занад,
ва забони сагони ту аз душманон баҳравар шавад»+.
[25] Намоишҳои Туро, эй Худо, дидаанд,
намоишҳои Худои маро, Подшоҳи маро дар қудс.
[26] Пешопеш сарояндагон равон, аз ақиби онҳо —
навозандагон, дар миёна — духтарони дафнавоз:
[27] «Дар ҷамъомадҳо Худоро муборак хонед,
Худовандро аз манбаи Исроил!»
[28] Он ҷо Биньёмини ҷавон — пешоҳанги онҳо;
мирони Яҳудо — анбӯҳи онҳо;
мирони Забулун, мирони Нафтолӣ+.
[29] Худои ту қувватро барои ту амр фармудааст.

Он чиро, ки Ту, эй Худо, барои мо ба амал овардаӣ, тақвият намо!+
30 Аз қасри Ту, ки дар Ерусалим аст,
подшоҳон ба Ту ҳадияҳо хоҳанд овард.
31 Даррандаи наистонро ром кун,
галаи говмешонро низ дар миёни гӯсолаҳои қавмҳо,
ки аз барои сиххҳои нуқра косалесӣ мекунанд;
қавмҳои ҷангҷӯро пароканда намо+.
32 Оличоҳон аз Миср хоҳанд омад;
Ҳабаш дастҳои худро сӯи Худо дароз хоҳад кард+.
33 Эй мамлакатҳои дунъё!
Дар шаъни Худо суруд хонед, Худовандро бисароед, село,+
34 Ки Ӯ бар фалакулафлоки азалӣ савор аст.
Инак, овози Худро медиҳад, ки овози пурқувват аст+.
35 Бузургии Худоро ҳамд гӯед!
Ҷалоли Ӯ бар Исроил аст, ва қуввати Ӯ дар афлок.
36 Ту, эй Худо, аз қудсҳои Худ саҳмгин ҳастӣ.
Худои Исроил ба қавми Худ қувват ва қудрат мебахшад.
Муборак аст Худо!+

## ТАРОНАИ ШАСТУ ҲАШТУМ

## Дуо дар бораи халосӣ додан аз андӯҳи азим.

1 Барои сардори муғанниён бар сози шӯшаним. Таронаи Довуд+.
2 Маро наҷот деҳ, эй Худо,
зеро ки обҳо то ба ҷонам расидааст+.
3 Дар ботлоқи чуқуре ғӯтидаам, ва ҷои истодан нест;
ба умқҳои об даромадаам,
ва ҷараёни об маро кашида мебарад+.
4 Аз фиғон лакот гардидаам, гулӯям хушкидааст,
чашмонам аз интизорӣ ба Худои ман хаста шудааст+.
5 Онҳое ки бесабаб аз ман нафрат доранд, аз мӯйҳои сарам зиёд шудаанд.
Онҳое ки ноҳақ ба ман адоват доранд ва маро нест кардан мехоҳанд,
пурзӯр шудаанд: он чи нагирифтаам, бояд баргардонам+.
6 Худоё! Ту беақлии маро медонӣ,
ва айбҳои ман аз Ту пӯшида нест.
7 Умедворони Ту, эй Худованд Худои лашкарҳо,
аз боиси ман хиҷил нахоҳанд шуд.
Толибони Ту, эй Худои Исроил,
аз боиси ман шарманда нахоҳанд шуд.
8 Зеро ки ба ҳотири Ту бори нангро бардоштаам,
ва пардаи расвоӣ рӯи маро пӯшидааст+.
9 Барои бародарони худ ғайр ҳисоб шудаам,
ва барои писарони модари худ — бегона+.
10 Зеро ки рашки хонаи Ту маро хӯрдааст,
ва бадгӯиҳои бадгӯёни Ту бар ман афтодааст+.
11 Ва рӯза дошта, бо гирья дили худро холӣ кардаам,
ва ин сабаби маломатҳо дар ҳаққи ман гардидааст.
12 Ва палосро либоси худ кардаам,
ва барои онҳо зарбулмасал шудаам.
13 Дар бораи ман дарвозанишинон гапу калоча мекунанд,
ва майнӯшон ашӯла мехонанд.
14 Валекин ман дуоямро пеши Ту, эй Худованд, дар вақти иҷобат мегӯям;

Худоё, дар бузургии эҳсони Худ ва ростии наҷоти Худ маро иҷобат намо.
15 Маро аз ботлоқ халос кун, то ки ғӯтида наравам:
аз бадхоҳонам ва аз умқи обҳо раҳо шавам;+
16 Ҷараёни об маро набарад,
ва чуқурӣ маро ба коми худ накашад,
ва чоҳ даҳони худро бар ман напӯшад.
17 Маро иҷобат намо, эй Худованд, зеро ки эҳсони Ту некӯст;
аз рӯи фаровонии марҳаматҳои Худ бар ман таваҷҷӯҳ намо+.
18 Ва рӯи Худро аз бандаи Худ пинҳон надор,
зеро ки ба танг омадаам; маро ба зудӣ иҷобат намо.
19 Ба ҷонам наздик шуда, онро халос кун;
бар хилофи душманонам маро раҳоӣ деҳ.
20 Ту нанги маро, хиҷолати маро ва расвоии маро медонӣ;
ҳамаи хасмҳоям пеши назари Туанд.
21 Маломат диламро шикастааст, ва ман хеле ранҷур шудаам;
ба дилсӯзе интизорӣ доштам, аммо набуд,
ба тасаллидиҳандагон низ, лекин наёфтам.
22 Ва барои хӯрданам заҳра доданд,
ва дар ташнагиам маро сирко нӯшонданд+.
23 Бигзор суфраи онҳо пеши рӯяшон ба доме,
ва зиёфати осоиштаи онҳо ба қапқоне мубаддал гардад;+
24 Бигзор чашмони онҳо хира шавад, то ки набинанд,
ва камарҳои онҳоро абадан суст гардон+.
25 Хашми Худро бар онҳо бирез,
ва ғазаби Ту бигзор онҳоро дарьёбад.
26 Бигзор хонаҳошон хароб гардад,
ва касе дар ҳаймаҳошон сокин нашавад+.
27 Зеро касеро, ки Ту задаӣ, таъқиб мекунанд,
ва дардҳои шаҳидонатро нақл менамоянд.
28 Гуноҳ бар гуноҳашон илова намо,
ва бигзор дар адолати Ту дохил нашаванд+.
29 Бигзор аз дафтари ҳаёт маҳв гарданд,
ва бо одилон навишта нашаванд+.
30 Валекин ман мискин ва азияткаш ҳастам;
наҷоти Ту, эй Худо, паноҳи ман хоҳад шуд+.

31 Исми Худоро бо суруд мадҳ хоҳам кард;
ва Ӯро бо шукрона такбир хоҳам гуфт.
32 Ва ин ба Худованд писанд хоҳад омад,
бештар аз гов ва гӯсолае ки дорои шохҳо ва сумҳост+.
33 Ҳалимон дида, шод хоҳанд шуд.
Эй толибони Худо, дилатон зинда хоҳад шуд.
34 Зеро ки Худованд мискинонро мешунавад,
ва ба бандиёни Худ беэътиноӣ намекунад.
35 Осмон ва замин, баҳрҳо ва ҳар он чи дар онҳо меҷунбад,
Ӯро мадҳ мекунанд+.
36 Зеро ки Худо Сионро наҷот хоҳад дод,
ва шаҳрҳои Яҳудоро бино хоҳад кард,
ва дар он ҷо сокин хоҳанд шуд,
ва онро мерос хоҳанд гирифт+.
37 Ва зурьёти бандагонаш вориси он хоҳанд шуд,
ва дӯстдорони исми Ӯ дар он сукунат хоҳанд кард+.

## ТАРОНАИ ШАСТУ НӮҲУМ

## Дуо дар бораи мадад ва халосӣ додан аз душманон.

1 •Барои сардори муғанниён. Таронаи Довуд барои ёдоварӣ+.

2 Худоё! Маро халосӣ деҳ; Худовандо!
Ба мадади ман шитоб кун.
3 Бигзор толибони ҷонам хиҷил ва шарманда шаванд;
бадхоҳонам қафо гарданд ва расво шаванд;+
4 Онҳое ки «ҳай-ҳай» мегӯянд,
ба сабаби шармандагии худ ақиб гарданд;+
5 Ҳамаи толибони Ту дар Ту шодӣ ва хурсандӣ кунанд,
ва дӯстдорони наҷоти Ту доимо гӯянд:
«Афзун бод кибриёи Худо!»
6 Валекин ман камбағал ва мискин ҳастам.
Худоё! Сӯи ман шитоб кун:
мададгор ва раҳокунандаи ман Ту ҳастӣ;
Худовандо! Таъхир накун+.

## ТАРОНАИ ҲАФТОДУМ

## Дуо дар бораи ҳимоят ва дасттирӣ кардан дар пирӣ

1 •Ба Ту, эй Худованд, паноҳ бурдаам;
ҳаргиз хиҷил нахоҳам шуд.
2 Аз рӯи адолати Худ маро халос кун ва маро раҳоӣ деҳ;
гӯши Худро сӯи ман хам намо ва маро наҷот деҳ+.
3 Барои ман кӯҳпораи паноҳ бош, то ки ҳамеша биёям;
амри Ту буд, ки маро наҷот диҳӣ,
зеро ки сахра ва қалъаи ман Ту ҳастӣ+.
4 Эй Худои ман! Маро аз дасти шарир раҳоӣ деҳ,
ва аз кафи ноинсоф ва золим+.
5 Зеро ки Ту умеди ман ҳастӣ, эй Худованд Худо!
Аз хурдсолиам пушту паноҳи ман ҳастӣ+.
6 Аз батн бар Ту такья кардаам;
аз шиками модарам Ту маро берун овардаӣ;
ҳамду санои ман доимо дар бораи Туст+.
7 Барои бисьёр касон намунаи ибрат будам,
чунки Ту паноҳгоҳи пурзӯри ман будӣ.
8 Даҳонам аз ҳамду санои Ту пур аст,
ва ҳар рӯз аз васфи ҷалолати Ту+.
9 Маро дар замони пирӣ партоб накун;
вақте ки қувватам кам шавад, маро тарк накун.
10 Зеро ки душманонам дар бораи ман сухан меронанд,
ва каминварони ҷонам бо ҳамдигар маслиҳат мекунанд,+
11 Яъне мегӯянд: «Худо ӯро тарк кардааст;
ӯро таъқиб намоед ва дастгир кунед,
зеро ки халоскунандае нест»+.
12 Худоё! Аз ман дур набош;
эй Худои ман! Ба мадади ман шитоб кун.
13 Бигзор адуёни ҷонам хиҷил гарданд ва нест шаванд,
ва бадхоҳонам пероҳани нанг ва расвоӣ дар бар кунанд!+
14 Валекин ман доимо умедвор хоҳам буд,
ва бар ҳамаи ҳамду санои Ту боз илова хоҳам намуд.
15 Забонам адолати Туро баён хоҳад кард,

ва ҳар рӯз наҷоти Туро;
зеро ки шумораи онҳоро намедонам+.
16 Бо тавсифи қудрати Худованд Худо хоҳам омад;
адолати Туро, ки дар Ту ҳасту бас, зикр хоҳам кард.
17 Худоё! Ту маро аз хурдсолиам таълим додаӣ,
ва то ҳол корҳои аҷоиби Туро ҳикоят мекунам.
18 Ва маро, эй Худо, то вақти пирӣ ва мӯйсафедӣ низ тарк накун,
то даме ки бозуи Туро ба ин насл,
ва қудрати Туро ба ҳамаи ояндагон ҳикоят кунам,
19 Ва адолати Туро, эй Худо, ки то ба афроз мерасад,
ва корҳои бузургеро, ки Ту кардаӣ;
Худоё, кист монанди Ту+?
20 Ту бар сари ман бисьёр тангиҳо ва сахтиҳо овардаӣ,
лекин боз маро зинда хоҳӣ кард,
ва аз вартаҳои замин боз маро берун хоҳӣ овард+.
21 Бузургии маро афзун хоҳӣ кард,
ва боз маро тасаллӣ хоҳӣ дод.
22 Ман ҳам Туро бо уд ҳамд хоҳам гуфт,
яъне ростии Туро, эй Худои ман!
Туро, эй Қуддуси Исроил, бо барбат хоҳам сароид!+
23 Чун Туро бисароям, лабҳоям шод хоҳад шуд;
ҷонам низ, ки Ту онро раҳоӣ додаӣ.
24 Забонам низ ҳар рӯз адолати Туро ҳикоят хоҳад кард,
зеро ки бадхоҳонам хиҷил ва расво шудаанд.

## ТАРОНАИ ҲАФТОДУ ЯКУМ

## Суруди пайғамбарона дар бораи сарватҳои салтанати осоишта.

1 Таронаи Сулаймон.
Худоё! Инсофи Худро ба подшоҳ деҳ,
ва адолати Худро ба писари подшоҳ+.
2 Қавми Туро аз рӯи адолат додгарӣ хоҳад кард,
ва мискинони Туро аз рӯи инсоф+.
3 Кӯҳҳо ба қавм сулҳу осоиштагӣ хоҳанд овард,
ва талҳо аз рӯи адолат.
4 Мискинони қавмро доварӣ хоҳад кард,
фарзандони камбағалро наҷот хоҳад дод,
ва ба истисморгар шикаст хоҳад расонд+.
5 Аз Ту хоҳанд тарсид, то даме ки офтоб нурафшон аст,
ва то даме ки моҳ тобон аст то абадуддаҳр+.
6 Мисли борон бар алафзори даравшуда хоҳад фуромад,
мисли қатраҳое ки заминро сероб мекунанд+.
7 Дар айёми ӯ одил нумӯ хоҳад кард,
ва сулҳу осоиштагӣ фаровон хоҳад буд,
то даме ки моҳ фано нашавад+.
8 Ва қаламрави ӯ аз баҳр то баҳр хоҳад буд;
ва аз дарьё то ақсои замин+.
9 Пеши ӯ биёбоннишинон зону хоҳанд зад;
ва душманони ӯ хокро хоҳанд лесид+.
10 Подшоҳони Таршиш ва ҷазираҳо ҳадия хоҳанд овард;
подшоҳони Шабо ва Сабо инъомҳо пешкаш хоҳанд кард+.
11 Ва ҳамаи подшоҳон ба ӯ саҷда хоҳанд кард;
ҳамаи халқҳо ба ӯ хизмат хоҳанд кард+.
12 Зеро мискинеро, ки истиғоса мебарад, ва мазлумеро,
ки мададгор надорад, халос хоҳад кард+.
13 Ба бенаво ва мискин шафқат хоҳад кард,
ва ҷонҳои мискинонро наҷот хоҳад дод.
14 Аз макр ва зулм ҷонҳои онҳоро раҳо хоҳад кард;
ва хуни онҳо дар назари ӯ гаронбаҳо хоҳад буд+.

15 Ва ӯ зинда хоҳад буд, ва аз тиллои Шабо ба ӯ хоҳанд дод;
ва доимо барои ӯ дуо хоҳанд гуфт, ҳар рӯз ӯро муборак хоҳанд хонд+.
16 Ғалла дар замин то ба қуллаи кӯҳхо фаровон хоҳад шуд;
ҳосили он мисли Лубнон шуввас хоҳад зад, ва мардуми шаҳр мисли
алафи замин афзоиш хоҳанд ёфт+.
17 Номи ӯ то абад хоҳад монд;
то даме ки офтоб нурафшон аст,
номи ӯ зикр хоҳад ёфт, ва дар ӯ баракат хоҳанд хост;
ҳамаи халқҳо ӯро мадҳ хоҳанд кард+.
18 Муборак аст Худованд Худо, Худои Исроил,
ки танҳо Худаш корҳои аҷоиб мекунад+.
19 Ва исми ҷалоли Ӯ то абад муборак аст,
ва тамоми замин аз ҷалоли Ӯ пур хоҳад буд, —
омин ва омин!+
20 Дуоҳои Довуд ибни Йисой ба охир расид.

## ТАРОНАИ ҲАФТОДУ ДУЮМ

### Осудагии шарирон озмоиш барои порсоён мебошад, лекин Худованд онҳоро тақвият медиҳад.

1 Таронаи Ософ.
Ба яқин Худо барои Исроил, барои софдилон некӯст+.
2 Валекин ман, кам монда буд, ки пойҳоям билағҷад,
кам монда буд, ки қадамҳоям суст шавад,
3 Зеро ки аз лофакиён ҳасад бурдам,
вақте ки осудагии шариронро дидам+.
4 Зеро ки то мурданашон азоб намекашанд,
ва ҷисмашон сиҳат аст.
5 Заҳмати инсониро аз сар намегузаронанд,
ва мисли одамон осеб намебинанд.
6 Бинобар ин шаддаи ғурур гарданашонро оро додааст;
либоси зулм ҷисмашонро пӯшидааст.
7 Чашмонашон равған баста, аз косахонааш баромадааст;
андешаҳои дилашон ошкор мешавад.
8 Тамасхур мекунанд ва бо адоват гап мезананд;
бо ҳавобаландӣ суханони ситамкорона мегӯянд.
9 Даҳонашонро ба осмон нигаронидаанд,
ва забонашон бар замин мегардад.
10 Бинобар ин қавми Ӯ ба ҳамон тараф рӯ меоварад,
ва оби фаровон ба вай нӯшонида мешавад.
11 Ва мегӯянд: «Худо чӣ гуна бидонад?
Ва оё Ҳаққи Таоло дорои дониш аст?»+
12 Инак, ин шарирон
ва бепарвоёни ҷаҳон сарват афзун мекунанд.
13 Пас, беҳуда ман диламро соф кардаам,
ва кафҳоямро ба покӣ шустаам,+
14 Дар сурате ки ҳар рӯз осеб мебинам,
ва ҳар субҳ панд мегирам.
15 Агар мегуфтам, ки «мисли онҳо сухан хоҳам ронд», —
дар ҳаққи насли фарзандони Ту хиёнат мекардам.
16 Ва фикру хаёл кардам, то ки инро бифаҳмам;

ин дар назарам заҳмат буд,
17 То даме ки ба қудсҳои Худо даромадам;
он гоҳ ба фарҷоми онҳо сарфаҳм рафтам+.
18 Ба яқин Ту онҳоро дар ҷойҳои лағжонак гузоштаӣ;
оқибат онҳоро дар харобиҳо хоҳӣ андохт+.
19 Чӣ гуна дар як мижа задан онҳо хонавайрон гардидаанд
ва ба ҳалокат расида, аз даҳшатҳо фано шудаанд!
20 Мисли хобе пас аз бедоршавӣ, Ту, эй Худованд,
онҳоро бедор карда, шавкаташонро барҳам хоҳӣ дод.
21 Зеро ки дилам ба ҷӯш омада буд,
ва ботинам маҷрӯҳ шуда буд,
22 Ва ман ҷоҳил будам ва сарфаҳм намерафтам;
мисли чорпое назди Ту будам+.
23 Валекин ман доимо бо Ту ҳастам;
Ту ямини маро дастгирӣ намудаӣ.
24 Бо машварати Худ маро ҳидоят мекунӣ,
ва пас аз он маро ба ҷалол хоҳӣ расонд.
25 Кист барои ман дар осмон?
Ва бо Ту дар замин хоҳони чизе нестам+.
26 Агарчи ҷисмам ва дилам адо мешавад,
Худо кӯҳпораи дили ман аст ва насибаи ман аст то абад+.
27 Зеро инак онҳое ки аз Ту дур ҳастанд, нест хоҳанд шуд:
ҳар киро, ки аз Ту даст мекашад, дафъ хоҳӣ кард.
28 Валекин барои ман ба Худо наздик шуданам некӯст;
ба Худованд Худо ман паноҳ бурдаам,
то ки тамоми аъмоли Туро ривоят намоям+.

## ТАРОНАИ ҲАФТОДУ СЕЮМ

## Дуо дар бораи ҳимоят кардан аз дасти шарирони харобкунанда.

1 Суруди таълимии Ософ.
Чаро, эй Худо, моро ба сурати абадӣ партофтаӣ?
Ва ғазаби Ту бар гӯсфандони чарогоҳат аланга гирифтааст+?
2 Ҷамоаи Худро, ки аз қадим харидаӣ ва раҳо кардаӣ,
то ки сибти мероси Ту гардад, ба ёд ор;
кӯҳи Сионро низ, ки бар он сокин шудаӣ+.
3 Пойҳои Худро сӯи харобаҳои абадӣ бардор:
ҳар чиро, ки дар қудс буд, душман несту нобуд кардааст.
4 Хасмҳоят дар дохили маъбади Ту наъра мезананд;
ливоҳои худро ҳамчун аломот гузоштаанд;+
5 Монанди касоне буданд, ки табарҳоро бар шохаҳои ба ҳам печидаи
дарахтон баланд мекунанд;
6 Ва ҳоло ҳамаи кандакориҳои онро
бо табару тешаҳо шикастаанд;+
7 Қудси Туро оташ задаанд;
маскани исми Туро то ба замин ҳаром кардаанд;
8 Дар дили худ гуфтаанд: «Онҳоро аз як сар нест мекунем», —
ва ҳамаи куништҳои Худоро дар замин сӯзондаанд+.
9 Аломоти худро намебинем;
дигар набие нест, ва дар миёни мо касе нест,
ки бидонад, то ба кай чунин хоҳад буд+.
10 То ба кай, эй Худо, аду мазаммат хоҳад кард?
Ва душман исми Туро доим таҳқир хоҳад кард?
11 Чаро дасти Худро, ва ямини Худро қафо гардондаӣ?
Онро аз бағали Худ бароварда, кори онҳоро тамом кун!+
12 Ва Ту, эй Худо, аз қадим подшоҳи ман ҳастӣ;
Ту андаруни замин наҷотҳо ба амал меовардӣ+.
13 Ту бо қуввати Худ баҳрро пора кардаӣ,
сарҳои тимсоҳҳоро дар об шикастаӣ+.
14 Ту сарҳои аждарро кӯфтаӣ,
онро барои хӯроки биёбоннишинон додаӣ.

[15] Ту чашма ва селоб кушодаӣ;
Ту дарьёҳои серобро хушконидаӣ+.
[16] Рӯз аз они Туст, шаб низ аз они Туст;
Ту найир ва офтоброо барқарор кардаӣ+.
[17] Ту тамоми ҳудуди заминро муқаррар намудаӣ;
тобистон ва зимистонро Ту ба вуҷуд овардаӣ+.
[18] Инро ба ёд ор, ки душман Худовандро мазаммат менамояд,
ва мардуми нокас исми Туро таҳқир мекунанд.
[19] Ҷони фохтаи Худро ба дарранда насупор;
ҳаёти мискинони Худро ба сурати абадӣ фаромӯш накун+.
[20] Ба аҳди Худ назар андоз;
зеро ки тамоми зулмоти замин аз воҳаҳои зулм пур шудааст+.
[21] Бигзор мазлум бо хиҷолат барнагардад;
мискин ва камбағал исми Туро мадҳ кунанд.
[22] Бархез, эй Худо, доди Худро бигир;
ба ёд ор, ки нокасе ҳар рӯз Туро мазаммат мекунад.
[23] Овози хасмҳои Худро фаромӯш накун,
ва ғавғои мухолифони Худро, ки доим баланд мешавад+.

## ТАРОНАИ ҲАФТОДУ ЧОРУМ

## Дуои шукрона дар шаъни Худованд барои сарафроз гардонидани одилон.

1 Барои сардори муғанниён. Нобуд накун. Таронаи Ософ. Суруд+.
2 Туро ҳамд мегӯем, эй Худо, ҳамд мегӯем;
зеро ки исми Ту наздик аст;
корҳои аҷоиби Туро ривоят мекунанд.
3 «Вақте ки мӯҳлате муқаррар намоям,
Ман аз рӯи ростӣ доварӣ хоҳам кард+.
4 Замин ва ҳамаи сокинонаш ба ларза омадаанд;
Ман аркони онро барпо кардаам». Село+.
5 Ба лофакиён гуфтам: «Лоф назанед»,
ва ба шарирон: «Шох набардоред,
6 Шохи худро бар афроз набардоред,
бо гарданкашӣ суханони мутакаббирона нагӯед».
7 Зеро ки на аз машриқ наҷот меояд, ва на аз мағриб,
ва на аз биёбони кӯҳсор,
8 Балки Худо довар аст:
якеро сарнагун мекунад, дигареро сарафроз мегардонад+.
9 Зеро ки коса дар дасти Худованд аст,
шароби пур аз дорувор дар он ҷӯш мезанад;
ва Ӯ аз он мерезад, ва дурди онро ҳамаи шарирони замин афшурда менӯшанд+.
10 Валекин ман то абад ривоят хоҳам кард,
Худои Яъқубро хоҳам сароид.
11 Ва ҳамаи шохҳои шариронро хоҳам шикаст;
шохҳои одил барафрошта хоҳад шуд+.

# ТАРОНАИ ҲАФТОДУ ПАНҶУМ

## Суруди ҳамду сано дар шаъни доварии одилонаи Худо.

1 Барои сардори муғанниён бар созҳои торнок. Таронаи Ософ.
Суруд.
2 Дар Яҳудо Худо машҳур аст;
дар Исроил исми Ӯ бузург аст.
3 Ва дар Салим хаймаи Ӯст, ва дар Сион маскани Ӯ+.
4 Дар он ҷо барқҳои камонро шикаст:
сипар ва шамшер ва ҷангро. Село+.
5 Ту соҳиби ҷалол ҳастӣ, тавонотар аз кӯҳҳои сайдафкан.
6 Шердилон тӯъмаи тороҷ шуданд, хобашон даррабуд,
ва тамоми мардуми диловар дасту по гум карданд+.
7 Аз итоби Ту, эй Худои Яъқуб,
ҳам аробаро, ва ҳам аспро ғанаб бурд+.
8 Ту саҳмгин ҳастӣ, ва кист,
ки дар вақти ғазабат пеши Ту истода тавонад+?
9 Аз осмон хукмномаро шунавондӣ:
замин тарсид ва сокит шуд,
10 Ҳангоме ки Худо барои доварӣ бархост,
то ки ҳамаи ҳалимони заминро наҷот диҳад. Село.
11 Ба яқин хашми одамизод ба ҳамди Ту табдил хоҳад ёфт;
бар боқии хашмҳо Ту камар хоҳӣ баст.
12 Ба Худованд Худои худ назр кунед ва адо намоед;
бигзор ҳамаи онҳое ки дар гирди Ӯ ҳастанд,
ба Саҳмгин инъом биёранд+.
13 Рӯҳи миронро фурӯ хоҳад нишонд;
барои подшоҳони замин саҳмгин аст.

## ТАРОНАИ ҲАФТОДУ ШАШУМ

## Худованд қавми Худро дар айёми андӯҳ тарк намекунад.

[1] Барои сардори муғанниён, Едутун. Таронаи Ософ+.
[2] Овозам сӯи Худост, ва фарьёд мекашам;
овозам сӯи Худост, ва ба ман гӯш хоҳад андохт.
[3] Дар рӯзи тангии худ Худовандро талабидам;
дастам шабона дароз карда шуд, бе он ки фуроварда шавад;
аз ин ҳам ҷонам тасаллӣ наёфт+.
[4] Худоро ёд мекунам ва оҳи ҷигарсӯз мекашам;
фикру хаёл мекунам, ва рӯҳам бемадор мешавад. Село.
[5] Чашмонамро бедор медорӣ;
музтариб шудаам ва наметавонам сухане гӯям.
[6] Дар бораи айёми қадим андеша мекунам,
дар бораи солҳои салафут+.
[7] Сурудҳои шабонаи худро ба ёд меоварам,
бо дили худ фикру хаёл мекунам, ва рӯҳам ҷӯёст:
[8] Магар Худованд ба сурати абадӣ тарк кардааст,
ва дигар таваҷҷӯҳ нахоҳад намуд?
[9] Магар эҳсони Ӯ ба сурати абадӣ хотима ёфтааст,
ва қавли Ӯ то абадуддаҳр ботил шудааст?
[10] Магар Худо омурзишро фаромӯш кардааст?
Магар марҳаматҳои Худро дар вақти хашм бас кардааст? Село.
[11] Ва гуфтам: «Ин мусибати ман аст,
ки ямини Ҳаққи Таоло тағьир ёфтааст».
[12] Амалиёти Худовандро зикр хоҳам кард,
зеро корҳои аҷоиби Туро, ки аз кадим аст, дар хотир дорам+.
[13] Ва дар тамоми аъмоли Ту диққат хоҳам намуд,
ва дар бораи корномаҳои Ту фикру хаёл хоҳам кард.
[14] Худоё! Тариқи Ту дар қудсият аст.
Кист Худои бузург мисли Худо+?
[15] Ту Худое ҳастӣ, ки корҳои аҷоиб мекунӣ;
қуввати Худро дар миёни қавмҳо зоҳир сохтаӣ.
[16] Қавми Худро бо бозу раҳо кардаӣ;
банӣ-Яъқуб ва банӣ-Юсуфро. Село.

17 Туро, эй Худо, обҳо дид, Туро обҳо дида,
туғьён кард; вартаҳо низ мутазалзил шуд+.
18 Абрҳо об рехт, афлок овоз дод;
тирҳои Ту низ ба парвоз шуд+.
19 Овози раъди Ту дар чархи фалак шунида шуд,
барқҳо ҷаҳонро равшан кард;
замин биларзиду ба раъша омад+.
20 Тариқи Ту дар баҳр аст, ва роҳи Ту дар обҳои азим;
ва изҳои Ту номаълум+.
21 Қавми Худро мисли гӯсфандон
бо дасти Мусо ва Ҳорун бурдӣ+.

# ТАРОНАИ ҲАФТОДУ ҲАФТУМ

## Садоқатмандии Худо дар идора кардани қавми беитоат.

1 Суруди таълимии Ософ.
Эй қавми ман, таълими маро бишнавед,
гӯши худро сӯи суханони даҳонам хам кунед.
2 Даҳонамро ба масал мекушоям,
муаммоҳои замони қадимро баён менамоям+.
3 Он чи шунидаем ва донистаем,
ва падарони мо ба мо ҳикоят кардаанд,+
4 Аз фарзандони онҳо пинҳон нахоҳем дошт:
ҳамду санои Худовандро, ва қуввати Ӯро,
ва корҳои аҷоиберо, ки Ӯ кардааст,
ба насли оянда ҳикоят хоҳем кард+.
5 Шаҳодате дар Яъқуб барпо кард,
ва шариате дар Исроил муқаррар намуд,
ва ба падарони мо амр фармуд,
ки онҳоро ба фарзандони худ маълум кунанд,+
6 То ки насли оянда, фарзандоне ки таваллуд хоҳанд шуд,
бидонанд, ва бархезанду ба фарзандони худ ҳикоят кунанд;+
7 Ва ба Худо таваккал намоянд,
ва корҳои Худоро фаромӯш накунанд,
ва аҳкоми Ӯро нигоҳ доранд;
8 Ва монанди падарони худ насли саркаш ва исьёнгар нашаванд,
насле ки ростдил набуданд,
ва рӯҳашон ба Худо садоқат надошт+.
9 Банӣ-Эфроим, ки мусаллаҳ ва камондор буданд,
дар рӯзи корзор ақиб гаштанд;
10 Аҳди Худоро нигоҳ надоштанд,
ва аз рафтан бо роҳи шариати Ӯ сар кашиданд;
11 Ва корномаҳои Ӯро, ва корҳои аҷоиберо,
ки ба онҳо нишон дод, фаромӯш карданд+.
12 Дар пеши назари падарони онҳо Ӯ дар замини Миср,
дар саҳрои Сӯан корҳои аҷоиб кард+.
13 Баҳрро аз ҳам ҷудо кард, ва онҳоро гузаронд,

ва обҳоро мисли деворе барқарор намуд+.
14 Ва рӯзона онҳоро бо абр бурд,
ва тамоми шаб бо нури оташ+.
15 Дар биёбон кӯҳпораҳоро шикоф кард,
ва онҳоро гӯё аз вартаҳои азим нӯшонид+.
16 Ва аз сахра селобҳоро берун овард,
ва обҳоро мисли дарьёҳо ҷорӣ кард.
17 Ва боз пеши Ӯ хато карданд,
ба Ҳаққи Таоло дар биёбон беитоатӣ нишон доданд.
18 Ва Худоро дар дили худ озмуда,
ба муддаои нафси худ хӯрок хостанд+.
19 Ва бар зидди Худо сухан ронда, гуфтанд:
«Оё Худо дар биёбон суфра ороста метавонад?
20 Инак, кӯҳпораро зад, ва обҳо ҷорӣ шуд,
ва ҷӯйборҳо равон шуд.
Оё нон ҳам дода метавонад?
Оё барои қавми Худ гӯшт муҳайё карда метавонад?»
21 Худованд инро шунида, дар қаҳр шуд,
ва оташ бар Яъқуб даргирифт,
ва ғазаб бар Исроил аланга зад+.
22 Зеро ки ба Худо имон наоварданд,
ва ба наҷоти Ӯ таваккал накарданд.
23 Ва афлокро аз боло амр фармуд,
ва дарҳои осмонро воз кард,+
24 Ва маннро бар онҳо боронид, то бихӯранд,
ва нони осмонро ба онҳо ато кард+.
25 Одамизод нони малоикро бихӯрд;
тӯша барои онҳо фиристод, ки сер шаванд.
26 Боди шарқиро дар осмон вазонид,
ва бо қуввати Худ боди ҷанубиро бархезонид.
27 Ва бар онҳо гӯштро мисли ғуборе боронид,
ва мурғони болдорро мисли реги баҳр+.
28 Ва дар миёни бошишгоҳи онҳо,
дар қарибии масканҳошон фурӯ ғалтонид.
29 Ва хӯрданд ва хеле сер шуданд;
ва мувофиқи ҳирсашон ба онҳо дод+.

30 Аз ҳирсашон даст накашиданд;
ҳанӯз хӯрокашон дар даҳонашон буд,
31 Ва ғазаби Худо бар онҳо аланга зад,
ва фарбеҳони онҳоро бикушт,
ва ҷавонони Исроилро нест кард+.
32 Бо вуҷуди ин боз хато карданд,
ва ба корҳои аҷоиби Ӯ имон наоварданд+.
33 Ва рӯзҳои онҳоро дар оворагардӣ,
ва солҳошонро дар тарсу ҳарос нобуд кард+.
34 Вақте ки онҳоро мекушт, талабгори Ӯ мешуданд,
ва руҷӯъ намуда, Худоро меҷустанд.
35 Ва ба ёд меоварданд, ки Худо кӯҳпораи онҳост,
ва Худои Таоло раҳокунандаи онҳост+.
36 Ва бо даҳони худ пеши Ӯ тамаллуқ мекарданд,
ва бо забони худ ба Ӯ дурӯғ мегуфтанд,+
37 Аммо дилашон бо Ӯ рост набуд,
ва ба аҳди Ӯ садоқат надоштанд+.
38 Валекин Ӯ, ки раҳим аст, гуноҳашонро кафорат намуда,
онҳоро нест намекард,
балки борҳо қаҳри Худро боздошта,
тамоми ғазаби Худро барнаангехтааст+.
39 Ва дар хотир дорад, ки онҳо башаранд,
боде ҳастанд, ки меравад ва гашта намеояд+.
40 Чандин бор дар биёбон Ӯро ба хашм оварданд,
дар бодия Ӯро оташин карданд+.
41 Ва гашта-баргашта Худоро озмуданд,
ва Куддуси Исроилро хорӣ доданд.
42 Дасти Ӯро дар хотир надоштанд,
ва рӯзеро, ки аз тангӣ онҳоро раҳо кард,
43 Яъне дар Миср аломоти Худро,
ва дар саҳрои Сӯан мӯъҷизоти Худро нишон дод:+
44 Ва дарьёҳои онҳоро, ва селобҳои онҳоро
ба хун табдил дод, то ки нӯшида натавонанд+.
45 Бар онҳо ҳашаротро фиристод, ки онҳоро газиданд;
ғукҳоро низ, ки онҳоро нобуд карданд+.
46 Ҳосилоти онҳоро ба кирмак дод,

ва меҳнати онҳоро ба малах+.
47 Токзори онҳоро бо жола кушт,
ва дарахтони ҷумизи онҳоро бо яхча+.
48 Чорвои онҳоро ба жола супурд,
ва рамаҳои онҳоро ба шӯълаҳои барқ+.
49 Бар онҳо оташи хашми Худро равона кард:
қаҳр, ва ғазаб,
ва мусибатро бо фиристодани малоики мусибат+.
50 Роҳе барои ғазаби Худ сохта,
ҷони онҳоро аз мамот маҳфуз надошт,
балки ҳаёташонро ба вабо супурд.
51 Ва ҳамаи нахустзодагонро дар Миср зарба зад,
ибтидои қувватро дар хаймаҳои Ҳом+.
52 Ва қавми Худро мисли гӯсфандон бурд;
ва онҳоро мисли рамае дар биёбон роҳбарӣ мекард+.
53 Ва онҳоро дар осудагӣ ҳидоят менамуд, то. ки ҳаросон нашаванд;
ва душманони онҳоро баҳр дар худ ниҳон кард+.
54 Ва онҳоро ба ҳудуди муқаддаси Худ овард,
ба кӯҳе ки ямини Ӯ пайдо карда буд+.
55 Ва халқҳоро аз пеши онҳо бадар ронд,
ва заминашонро ба таври мерос қуръа партофт,
ва дар хаймаҳошон сибтҳои Исроилро сокин кард+.
56 Вале боз Худои Таолоро озмуданду
ба хашм оварданд,
ва шаҳодоти Ӯро риоя накарданд+.
57 Ва ақиб гашта, мисли падарони худ хиёнат карданд,
мисли камони ҳилагар чаппа рафтанд+.
58 Ва дар теппаҳои худ Ӯро хашмгин карданд,
ва бо бутҳои худ рашки Ӯро оварданд+.
59 Худо шунида, дар қаҳр шуд,
ва аз Исроил хеле нафрат кард.
60 Ва маскани Шилӯро тарк кард,
яъне хаймаеро, ки дар миёни одамон дошт+.
61 Ва қуввати Худро ба асирӣ дод,
ва ҷалолати Худро ба дасти душман.
62 Ва халқи Худро ба шамшер таслим кард,

ва аз мероси Худ дар қаҳр шуд+.
63 Ҷавонони варо оташ хӯрд,
ва ба духтарони вай сурудҳои никоҳ намехонданд.
64 Коҳинони вай дар ҷанг афтоданд,
ва бевазанони вай навҳа намекарданд+.
65 Ва Худованд, мисли он ки дар хоб бошад, бедор шуд,
мисли паҳлавоне ки аз шароб хурӯш мекунад,+
66 Ва душманони варо зарба зада, пас гардонд,
ба нанги абадӣ онҳоро гирифтор кард.
67 Ва аз хаймаи Юсуф нафрат кард,
ва сибти Эфроимро интихоб накард,
68 Балки сибти Яҳудоро баргузид,
яъне кӯҳи Сионро, ки дӯст медошт+.
69 Ва қудси Худро мисли афрозҳо бино кард,
мисли замине ки буньёди онро Ӯ
ба сурати абадӣ ниҳодааст.
70 Ва бандаи Худ Довудро баргузид,
ва ӯро аз оғилҳои гӯсфандон гирифт;+
71 Аз пеши мешҳои ширдеҳ ӯро овард, то ки қавми
Ӯ — Яъқубро, ва мероси Ӯ — Исроилро чӯпонӣ кунад+.
72 Ва ӯ онҳоро бо дили софи худ чӯпонӣ кард,
ва бо маҳорати кафҳои худ ҳидоят намуд+.

## ТАРОНАИ ҲАФТОДУ ҲАШТУМ

## Дуо дар бораи халосӣ додани имондорон аз таҳқири шарирон.

1 Таронаи Ософ.
Худоё! Халқҳо ба мероси Ту даромаданд,
қасри қудси Туро ҳаром карданд,
Ерусалимро ба харобазор табдил доданд+.
2 Лошаҳои бандагони Туро ба мурғони ҳаво
барои хӯрок партофтанд,
ва гӯшти порсоёни Туро ба ҳайвонҳои замин+.
3 Хуни онҳоро мисли об гирдогирди Ерусалим рехтанд,
ва касе набуд, ки онҳоро ба хок супорад+.
4 Назди ҳамсоягони худ нангин шудем,
хандахариш ва ҳақир назди онҳое ки
дар гирду пеши моянд+.
5 То ба кай, эй Худованд, доим ғазабнок хоҳӣ буд?
Ва рашки Ту мисли оташ аланга хоҳад зад+?
6 Ғазаби Худро бар халқҳое бирез, ки Туро намешиносанд,
ва бар мамлакатҳое ки исми Туро намехонанд+.
7 Зеро ки Яъқубро хӯрдаанд,
ва манзили ӯро хароб кардаанд+.
8 Гуноҳҳои аҷдодро ба мо хотирнишон накун;
бигзор марҳаматҳои Ту ба зудӣ моро истиқбол намояд,
зеро ки бисьёр ба залолат афтодаем+.
9 Эй Худои наҷоти мо, ба хотири ҷалоли исми Худ ба мо мадад расон
ва моро халосӣ деҳ,
ва ба хотири исми Худ хатоҳои моро кафорат намо+.
10 Чаро халқҳо гӯянд, ки «Худои онҳо куҷост?»
Бигзор интиқоми хуни бандагони Ту,
ки рехта шудааст, дар миёни халқҳо
дар пеши назари мо маълум гардад+.
11 Бигзор оҳу нолаи бандиён пеши Ту бирасад;
бо қудрати бозуи Худ маҳкумони мамотро вораҳон+.
12 Ва сазои ҳафтчандон ба ҳамсоягони мо баргардон,

барои хорие ки ба Ту, эй Худованд, расондаанд+.
13 Валекин мо, ки қавми Ту ва гӯсфандони чарогоҳи Ту ҳастем,
Туро ҳамеша сипос хоҳем гуфт ва ҳамду санои Туро то абадуддаҳр ба забон хоҳем ронд+.

## ТАРОНАИ ҲАФТОДУ НӮҲУМ

## Дуо дар бораи баргардонидан ва наҷот додани қавми баргузида.

1 Барои сардори муғанниён бар сози шушаним-эдут. Таронаи
Ософ+.
2 Эй чӯпони Исроил, гӯш андоз!
Эй, ки Юсуфро мисли гӯсфандон роҳбарӣ намудаӣ,
эй, ки бар каррубиён нишастаӣ, таҷаллӣ намо!+
3 Пеши Эфроим ва Биньёмин ва Менашше қудрати Худро бедор намо,
ва барои наҷоти мо биё+.
4 Худоё! Моро баргардон,
ва рӯи Худро мунаввар намо, то ки наҷот ёбем+.
5 Худовандо, Худои лашкарҳо!
То ба кай аз дуои қавми Худ қаҳр хоҳӣ кард+?
6 Онҳоро нони пур аз ашк мехӯронӣ,
ва ашкҳои фаровон менӯшонӣ+.
7 Моро гирифтори ҷидоли ҳамсоягони мо гардондаӣ,
ва душманон моро байни худ тамасхур мекунанд.
8 Эй Худои лашкарҳо! Моро баргардон,
ва рӯи Худро мунаввар намо, то ки наҷот ёбем+.
9 Токро аз Миср берун овардӣ,
халқҳоро бадар рондӣ, ва онро шинондӣ+.
10 Барояш ҷой холӣ кардӣ, ва он чуқур реша давонд,
ва заминро пур кард.
11 Кӯҳҳо бо сояи он пӯшида шуд,
ва шохаҳои он мисли арзҳои Худост.
12 Шохаҳои худро то баҳр паҳн кард,
ва навдаҳояшро то дарьё+.
13 Чаро ҳисорҳои онро рахна кардаӣ,
ба тавре ки ҳар роҳгузар онро меканад,+
14 Хуки ёбоӣ онро дандон мезанад,
ва ҳайвони саҳро онро мехӯрад?
15 Эй Худои лашкарҳо! Руҷӯъ намуда,
аз осмон назар андоз ва бубин, ва аз ҳоли

ин ток хабар гир,+
16 Ва он чиро, ки ямини Ту шинондааст, тақвият намо,
ва он писарро, ки барои Худ баргузидаӣ.
17 Он дар оташ сӯзонда шудааст, шохаҳояш бурида шудаанд;
аз итоби рӯи Ту нест хоҳанд шуд+.
18 Бигзор дасти Ту бар шахси ямини Ту бошад,
бар фарзанди одаме ки барои Худ баргузидаӣ.
19 Ва мо аз Ту қафо нахоҳем гашт;
моро зинда гардон, ва мо исми Туро хоҳем хонд.
20 Худовандо, Худои лашкарҳо! Моро баргардон,
рӯи Худро мунаввар намо, то ки наҷот ёбем+.

# ТАРОНАИ ҲАШТОДУМ

## Мадҳ ва суруд дар шаъни Худо, ки қавми Худро наҷот додааст.

1 Барои сардори муғанниён бар сози Ҷот. Таронаи Ософ+.
2 Дар шаъни Худое ки қуввати мост, тараннум намоед!
Дар шаъни Худои Яъқуб бонги шодӣ занед!
3 Сурудро баланд кунед ва дафро биёред,
ва барбати хушоҳангро бо уд.
4 Дар сари моҳ шох навозед,
дар рӯзи моҳи пурра низ, ки рӯзи иди мост+.
5 Зеро ки он фарз аст барои Исроил,
ҳукмест аз Худои Яъқуб.
6 Инро Ӯ шаҳодате дар Юсуф муқаррар намуд,
вақте ки вай бар замини Миср берун рафт.
Забонеро, ки намедонистам, шунидам:+
7 «Китфи варо аз бори гарон раҳо кардам;
кафҳои вай аз сабад озод шуд+.
8 Дар тангӣ хондӣ, ва Ман туро халосӣ додам;
аз даруни раъд туро иҷобат намудам;
назди обҳои Мерибо туро имтиҳон кардам. Село+.
9 Бишнав, эй қавми Ман, ва Ман ба ту
шаҳодат хоҳам дод;
эй Исроил, кошки Маро бишнавӣ!+
10 Бигзор туро худои ғайр набошад,
ва ту ба худои бегона саҷда накун+.
11 Ман Худованд Худои ту ҳастам,
ки туро аз замини Миср берун овардаам;
даҳони худро воз кун, ва Ман онро пур хоҳам кард.
12 Валекин қавми Ман ба овози Ман гӯш надод,
ва Исроил ба ман сар нафуровард.
13 Ва Ман онҳоро ба якравии дилашон вогузор кардам,
то ки аз паи андешаҳои худ бираванд+.
14 Кошки қавми Ман ба Ман гӯш медод,
ва Исроил бо роҳҳои Ман мерафт!+

15 Ба зудӣ душманони онҳоро фурӯ менишондам,
ва дасти Худро бар адуёни онҳо бармегардондам:
16 Хасмҳои Худованд ба вай бо тамаллуқ мутеъ мешуданд,
ва замони вай то абад давом мекард.
17 Варо аз гандуми беҳтарин мехӯрондам;
ва аз асали кӯҳпора туро сер мекардам»+.

## ТАРОНАИ ҲАШТОДУ ЯКУМ

### Таҳдиди доварии Худо бар доварони ноинсоф.

1 Таронаи Ософ.
Худо дар анбӯҳи худоён истодааст;
дар миёни худоён доварӣ мекунад+.
2 То ба кай ноинсофона доварӣ хоҳед кард?
Ва нисбат ба шарирон рӯбинӣ хоҳед кард? Село+.
3 Ба бенавоён ва ятимон додгарӣ намоед;
мазлумон ва мискинонро сафед кунед;+
4 Бенаво ва камбағалро раҳо кунед:
аз дасти шарирон халосӣ диҳед+.
5 Намедонанд ва намефаҳманд,
дар торикӣ роҳ мераванд;
ҳамаи асосҳои замин ба ларза омадааст+.
6 Ман гуфтам: «Шумо худоён ҳастед,
ва ҳамаатон — писарони Хаққи Таоло+.
7 Аммо ҳамчун одамизод хоҳед мурд,
ва чун яке аз мирон фурӯ хоҳед ғалтид»+.
8 Бархез, эй Худо, заминро доварӣ намо;
зеро ки Ту молики ҳамаи халқҳо ҳастӣ.

## ТАРОНАИ ҲАШТОДУ ДУЮМ

## Дуо дар бораи подоши Худо ба душманони қавми баргузида.

1 Суруд. Таронаи Ософ.
2 Худоё! Ту сокит набош;
хомӯш набош ва осуда набош, эй Худо!+
3 Зеро инак, душманони Ту хурӯш мебароваранд,
ва хасмҳои Ту сар мебардоранд.
4 Бар зидди қавми Ту дасиса меандешанд,
ва бар зидди паноҳкардагони Ту машварат менамоянд+.
5 Гуфтанд: «Меравем ва онҳоро нест мекунем,
то ки халқе набошанд, ва номи Исроил дигар зикр наёбад»+.
6 Якдилона маслиҳатро пазондаанд,
бар зидди Ту иттифоқ бастаанд:
7 Хаймаҳои Адӯм ва исмоилиён; Мӯоб ва ҳоҷариён;+
8 Ҷабол ва Аммӯн ва Амолеқ;
замини Фалиштӣ бо сокинони Сӯр;+
9 Ашшур низ ба онҳо ҳамроҳ шудааст;
онҳо бозуе барои банӣ-Лут гардидаанд. Село+.
10 Ба онҳо ончунон амал бикун,
чунон ки ба Мидьён кардаӣ, чунон ки ба Сисро,
чунон ки ба Ёбин дар наҳри Қишӯн,+
11 Ки онҳо дар Айндӯр ба ҳалокат расидаанд,
барои замин пору шудаанд+.
12 Мирони онҳоро мисли Ӯреб ва Заэб гардон,
ва ҳамаи шоҳзодагони онҳоро мисли Забҳ ва Салмуноъ,+
13 Ки онҳо мегуфтанд:
«Воҳаҳои Худоро барои худ тасарруф хоҳем кард».
14 Эй Худои ман! Онҳоро мисли ғуборе
дар гирдбод гардон,
мисли хасе пеши шамол+.
15 Чунон ки оташ ҷангалро месӯзонад,
ва чунон ки аланга кӯҳҳоро парт мекунад,+
16 Ончунон онҳоро бо бӯрони Худ бирон,
ва бо тундбоди Худ онҳоро дар даҳшат андоз+.

17 Рӯйҳои онҳоро пурнанг гардон,
то ки исми Туро, эй Худованд, толиб шаванд.
18 Бигзор онҳо ба сурати абадӣ шарманда
ва ошуфтаҳол шаванд, ва расво шуда, нест гарданд,
19 Ва бидонанд, ки танҳо Ту, ки исмат Худованд аст,
бар тамоми замин Ҳаққи Таоло ҳастӣ+.

## ТАРОНАИ ҲАШТОДУ СЕЮМ

## Хушбахтии беайбон ва умедворони Худованд.

1 Барои сардори муғанниён бар сози Ҷот. Таронаи банӣ-Қӯраҳ+.
2 Чӣ дилпазир аст масканҳои Ту,
эй Худованди лашкарҳо!
3 Ҷонам иштиёқманд ва беҳол аст барои саҳнҳои Худованд;
дилам ва ҷисмам сӯи Худои Ҳай тараннум менамоянд+.
4 Мурғак низ хонае барои худ пайдо мекунад,
ва гунҷишк лонае, то ки чӯҷаҳояшро дар он бимонад,
назди қурбонгоҳҳои Ту, эй Худованди лашкарҳо,
эй Подшоҳи ман ва Худои ман!+
5 Хушо сокинони хонаи Ту,
ки Туро гашта-баргашта мадҳ менамоянд. Село+.
6 Хушо касоне ки қувваташон дар Туст,
ва тариқҳоят дар дили онҳост+.
7 Вақте ки аз водии ашкбор мегузаранд, онро чашмасор мегардонанд;
борон низ онро бо баракат мепӯшад.
8 Ҳангоми рафтан бар қувваташон қувват меафзояд;
дар Сион пеши Худо ҳозир мешаванд.
9 Худовандо, Худои лашкарҳо! Дуои маро бишнав;
эй Худои Яъқуб, гӯш андоз! Село.
10 Сипари моро бубин, эй Худо,
ва бар рӯи масеҳи Худ назар андоз;+
11 Ба яқин як рӯз дар саҳнҳои Ту беҳтар аст аз ҳазор:
афзал донистаам, ки назди остонаи хонаи Худо биистам,
назар ба он ки дар хаймаҳои шарорат сокин бошам.
12 Зеро ки Худованд Худо офтоб ва сипар аст;
Худованд меҳр ва ҷалол хоҳад бахшид;
касони ростравро аз некӯӣ маҳрум нахоҳад кард+.
13 Эй Худои лашкарҳо!
Хушо касе ки ба Ту таваккал мекунад+.

## ТАРОНАИ ҲАШТОДУ ЧОРУМ

## Дуо дар бораи марҳамат ба тарсгорони Худо.

1 Барои сардори муғанниён. Таронаи банӣ-Қӯраҳ.
2 Ба замини Худ, эй Худованд,
таваҷҷӯҳ намудаӣ, асирони Яъқубро баргардондаӣ,
3 Гуноҳи қавми Худро омурзидаӣ,
ҳамаи хатоҳои онҳоро пӯшидаӣ,+
4 Тамоми қаҳри Худро дур кардаӣ,
аз шиддати ғазаби Худ баргаштаӣ+.
5 Моро баргардон, эй Худои наҷоти мо,
ва хашми Худро аз мо ботил намо.
6 Наход ки ба сурати абадӣ бо мо хашмгин хоҳӣ буд?
Ва ғазаби Худро то абадуддаҳр давом хоҳӣ дод+?
7 Наход ки Ту аз нав моро зинда нахоҳӣ гардонд,
то ки қавми Ту дар Ту шод бошанд?
8 Эҳсони Худро, эй Худованд, бар мо зоҳир намо,
ва наҷоти Худро ба мо ато фармо.
9 Хоҳам шунид, ки Худованд Худо чӣ мегӯяд.
Ба яқин Ӯ ба қавми Худ ва ба порсоёни Худ
аз сулҳу осоиштагӣ сухан хоҳад ронд,
то ки сӯи ҷаҳолат барнагарданд.
10 Ба яқин наҷоти Ӯ ба тарсгорони Ӯ наздик аст,
то ки ҷалол дар замини мо сокин шавад.
11 Эҳсон ва ростӣ мулоқот хоҳанд кард,
адолат ва осоиштагӣ якдигарро хоҳанд бӯсид.
12 Ростӣ аз замин хоҳад сабзид,
ва адолат аз осмон ба зуҳур хоҳад омад.
13 Худованд низ некӯӣ ато хоҳад кард,
ва замини мо ҳосили худро хоҳад дод+.
14 Адолат пешопеши Ӯ хоҳад рафт,
ва қадамҳояшро бар роҳ хоҳад гузошт+.

## ТАРОНАИ ҲАШТОДУ ПАНҶУМ

### Дуо дар бораи мадад расонидан дар рӯзи андӯҳ.

1 Дуои Довуд.
Гӯши Худро, эй Худованд, хам карда,
маро иҷобат намо,
зеро ки ман мискин ва камбағалам+.
2 Ҷони маро нигоҳ дор, зеро ки ман порсо ҳастам;
Ту, эй Худои ман, бандаи Худро,
ки ба Ту таваккал мекунад, наҷот деҳ.
3 Ба ман марҳамат намо, эй Худованд,
зеро ки ҳар рӯз сӯи Ту мехонам.
4 Ҷони бандаи Худро шод гардон,
зеро ки сӯи Ту, эй Худованд, ҷонамро менигаронам+.
5 Зеро ки Ту, эй Худованд, некӯ ва омурзгор ҳастӣ,
ва пур аз эҳсон ба ҳамаи онҳое ки Туро мехонанд+.
6 Ба дуоям, эй Худованд, гӯш андоз,
ва ба овози зориҳоям диққат намо.
7 Дар рӯзи тангии худ Туро хоҳам хонд,
зеро ки маро иҷобат хоҳӣ кард+.
8 Мисли Ту, эй Худованд, дар миёни худоён нест;
ва аъмоле мисли аъмоли Ту нест+.
9 Ҳамаи халқҳое ки офаридаӣ, омада пеши Ту,
эй Худованд, саҷда хоҳанд кард;
ва исми Туро ҷалол хоҳанд дод+.
10 Зеро ки Ту бузург ҳастӣ ва корҳои аҷоиб мекунӣ, —
Ту, эй Худо, танҳо Худат+.
11 Тариқи Худро, эй Худованд, ба ман таълим деҳ,
то ки дар ростии Ту рафтор намоям;
диламро якто гардон, то ки фақат аз тарси исми Ту пур бошад+.
12 Туро, эй Худованд Худои ман, бо тамоми дилам ҳамд хоҳам гуфт,
ва исми Туро то абад ҷалол хоҳам дод,
13 Зеро ки эҳсони Ту ба ман бузург аст,
ва ҷонамро аз асфалуссофилин халосӣ додаӣ+.
14 Худоё! Бадқасдон бар ман қиём кардаанд,

ва тӯдаи ситамгарон қасди ҷонам доранд;
ва Туро пеши назари худ намеоваранд+.
15 Валекин Ту, эй Худованд, Худои раҳим ва бахшандаӣ,
собир ва пур аз эҳсон ва ростӣ+.
16 Ба ман лутф ва марҳамат намо;
қуввати Худро ба бандаат бибахш,
ва писари канизи Худро наҷот деҳ;+
17 Ба ман аломати некӯӣ зоҳир намо,
то ки бадхоҳонам дида, хиҷил шаванд,
зеро ки Ту, эй Худованд, ба ман ёварӣ намудаӣ ва маро тасаллӣ
додаӣ+.

## ТАРОНАИ ҲАШТОДУ ШАШУМ

### Ситоиши шаҳри Худо.

1 Таронаи банӣ-Кӯраҳ. Суруд.
2 Буньёди он* дар кӯҳҳои муқаддас мебошад.
Худованд дарвозаҳои Сионро зиёда аз ҳамаи
масканҳои Яъқуб дӯст медорад+.
3 Суханони ситоиш дар ҳаққи ту гуфта мешавад,
эй шаҳри Худо. Село+.
4 «Ба орифони Худ Раҳаб* ва Бобилро зикр хоҳам кард;
инак замини Фалиштӣ, ва Сӯр бо Ҳабаш;
фалонӣ дар он ҷо таваллуд шудааст».
5 Вале дар ҳаққи Сион гуфта хоҳад шуд:
«Фалон одам ва фалон одам дар он таваллуд шудааст;
ва Худи Ҳаққи Таоло онро барпо кардааст»+.
6 Худованд дар дафтари қавмҳо хоҳад навишт:
«Фалонӣ дар он ҷо таваллуд шудааст». Село.
7 Ва сарояндагон бо раққосон: «Ҳамаи чашмаҳоям дар туст»+.

## ТАРОНАИ ҲАШТОДУ ҲАФТУМ

### Дуо дар бораи халосӣ додан аз мусибати сахт.

1 Суруд. Таронаи банӣ-Қӯраҳ. Барои сардори муғанниён бар сози
маҳалат барои сароидан. Суруди таълимии Ҳеймони Эзроҳӣ+.
2 Худовандо, Худои наҷоти ман!
Рӯзона фарьёд мекашам, шабона пеши Ту ҳастам+.
3 Бигзор дуоям пеши Ту бирасад;
гӯши Худро сӯи тазаррӯи ман хам намо,
4 Зеро ки ҷонам аз мусибатҳо сер гардидааст,
ва ҳаётам ба гӯристон наздик шудааст+.
5 Аз фурӯравандагони гӯр ҳисоб шудаам;
мисли марде гардидаам, ки маҷол надошта бошад+.
6 Дар миёни мурдагон андохта шудаам,
мисли шаҳидоне ки дар қабр хобидаанд,
ки онҳоро дигар ёд нахоҳӣ кард,
ва онҳо аз дасти Ту дур афтодаанд+.
7 Маро дар чоҳи таҳтуттуроб,
дар зулматҳо, дар қаърҳо гузоштаӣ+.
8 Хашми Ту бар ман қарор гирифтааст,
ва бо ҳамаи туғёнҳои Худ маро пахш кардаӣ. Село+.
9 Шиносҳоямро аз ман дур кардаӣ,
маро дар назари онҳо нафратангез гардондаӣ;
мисли бандӣ ҳастам, ва наметавонам берун оям+.
10 Чашмам аз бисьёрии мусибат хаста шудааст;
тамоми рӯз Туро, эй Худованд, хондаам;
кафҳоямро сӯи Ту дароз кардаам.
11 Оё барои мурдагон кори аҷоибе хоҳӣ кард?
Магар мурдагон бархоста, Туро ҳамд хоҳанд гуфт? Село+.
12 Оё эҳсони Ту дар қабр зикр хоҳад ёфт,
ва ростии Ту дар дӯзах?
13 Магар корҳои аҷоиби Ту дар зулмот
дониста хоҳад шуд,
ва адолати Ту дар кишвари фаромӯшӣ+?
14 Валекин ман сӯи Ту, эй Худованд, истиғоса мебарам,

ва субҳидам дуоям пеши Ту меояд+.
15 Чаро, эй Худованд, ҷонамро фаромӯш мекунӣ,
ва рӯи Худро аз ман пинҳон медорӣ?
16 Ман ситамкаш ҳастам ва аз хурдсолӣ маҳкуми мамот шудаам;
бимҳои Туро аз сар гузаронда, маъюс гардидаам.
17 Ғазабҳои Ту бар ман гузаштааст;
даҳшатҳои Ту кори маро тамом кардааст,+
18 Ҳар рӯз мисли об даври маро мегирад;
ҳамааш якҷоя маро иҳота мекунад+.
19 Ёрон ва дӯстонро аз ман дур кардаӣ; ошноҳоям торикист+.

## ТАРОНАИ ҲАШТОДУ ҲАШТУМ

## Суруди ҳамду сано дар шаъни Худо барои марҳамати Ӯ.

1 Суруди таълимии Эйтони Эзроҳӣ+.
2 Ба эҳсонҳои Худованд то абад суруд хоҳам хонд;
садоқати Туро бо даҳони худ то абадуддаҳр
баён хоҳам кард+.
3 Зеро ки мегӯям: «Эҳсон ба сурати абадӣ бино ёфтааст;
садоқати Худро дар осмонҳо ба монанди онҳо барпо кардаӣ».
4 «Бо баргузидаи Худ аҳд бастаам,
ба бандаи Худ Довуд қасам хӯрдаам:
5 Зурьёти туро то абад пойдор хоҳам сохт,
ва тахти туро то абадуддаҳр бино хоҳам кард». Село+.
6 Ва осмонҳо корҳои аҷоиби Туро, эй Худованд, ҳамд хоҳанд гуфт;
садоқати Туро низ дар шӯрои муқаддасон+.
7 Зеро кист дар фалак, ки ба Худованд баробар бошад?
Кист аз фарзандони Худо,
ки ба Худованд монанд бошад+?
8 Худо дар шӯрои бузурги муқаддасон арҷманд аст,
ва барои ҳамаи онҳое ки гирдогирди Ӯ ҳастанд,
саҳмгин аст.
9 Худовандо, Худои лашкарҳо!
Кист, ки мисли Ту, эй Худованд, тавоно бошад?
Ва садоқати Ту гирдогирди Туст+.
10 Ту бар ғалаёни баҳр ҳукмфармо ҳастӣ;
вақте ки мавҷҳояш баланд шавад,
Ту онҳоро сокит мекунӣ+.
11 Ту Раҳаброро мисли шаҳиде фурӯ нишондаӣ;
бо бозуи пурзӯри Худ душманонатро пароканда кардаӣ+.
12 Осмон аз они Туст, замин низ аз они Туст;
дуньёро бо ҳар чӣ дар он аст, Ту буньёд кардаӣ+.
13 Шимол ва ҷанубро Ту офаридаӣ;
Тобӯр ва Ҳермӯн ба исми Ту тараннум хоҳанд кард+.
14 Бозуи Ту соҳиби қудрат аст;
дасти Ту пурқувват аст, ямини Ту боло.

15 Адолат ва инсоф асоси тахти Туст;
эҳсон ва ростӣ пешопеши Ту мераванд+.
16 Хушо қавме ки бонги шодиро медонанд!
Худовандо, онҳо дар нури рӯи Ту қадамгузор мешаванд;+
17 Ба исми Ту тамоми рӯз шодӣ мекунанд,
ва ба адолати Ту сарафроз мегарданд,
18 Зеро ки ҷалолати қуввати онҳо Ту ҳастӣ;
ва бо таваҷҷӯҳи Ту шохи мо баланд хоҳад шуд.
19 Зеро ки сипари мо аз они Худованд аст,
ва подшоҳи мо аз они Қуддуси Исроил+.
20 Як вақте ба порсои Худ дар рӯъё сухан ронда, гуфтаӣ:
«Ба зӯровар мадад кардам;
баргузидаи қавмро боло бардоштам+.
21 Бандаи Худ Довудро кофта ёфтам;
бо равғани муқаддаси Худ ӯро тадҳин кардам,
22 Ки дасти Ман муттакои ӯ хоҳад буд;
бозуи Ман низ ӯро қавӣ хоҳад кард.
23 Душман ӯро фишор нахоҳад дод,
ва ноинсофе ба ӯ осеб нахоҳад расонд.
24 Ва адуёни ӯро пеши ӯ шикаст хоҳам дод,
ва бадхоҳони ӯро иҳота хоҳам кард+.
25 Ва садоқати Ман ва эҳсони Ман бо ӯст,
ва шохи ӯ ба исми Ман баланд хоҳад шуд.
26 Ва дасти ӯро бар баҳр хоҳам гузошт,
ва ямини ӯро бар дарьёҳо+.
27 Ӯ Маро хоҳад хонд: „Ту падари ман ҳастӣ,
эй Худои ман ва кӯҳпораи наҷоти ман“+.
28 Ман низ ӯро нахустзодаи Худ хоҳам гардонд,
баландтар аз подшоҳони замин+.
29 Эҳсони Худро ба ӯ то абад нигоҳ хоҳам дошт,
ва аҳди Ман бо ӯ боэътимод хоҳад буд+.
30 Ва зурьёти ӯро то абад боқӣ хоҳам гузошт,
ва тахти ӯро мисли рӯзҳои осмон+.
31 Агар фарзандонаш шариати Маро тарк созанд,
ва аз рӯи дастурҳои Ман рафтор накунанд;
32 Агар фароизи Маро поймол кунанд,

ва аҳкоми Маро нигоҳ надоранд, —
33 Ҷинояти онҳоро бо асо сазо хоҳам дод,
ва гуноҳи онҳоро бо шаллоқ+.
34 Вале эҳсони Худро аз ӯ дур нахоҳам кард,
аз садоқати Худ даст нахоҳам кашид+.
35 Аҳди Худро нахоҳам шикаст, ва он чиро,
ки аз даҳонам баромадааст, тағьир нахоҳам дод.
36 Як бор ба қудсияти Худ қасам хӯрдам,
ки ба Довуд дурӯғ нахоҳам гуфт+.
37 Зурьёти ӯ то абад хоҳад буд,
ва тахти ӯ мисли офтоб ба ҳузури Ман;
38 Мисли моҳ то абад қоим хоҳад буд,
ва шоҳиди амин дар фалак». Село+.
39 Валекин Ту тарк кардаӣ ва безор шудаӣ,
ва бо масеҳи Худ дар қаҳр шудаӣ+.
40 Аҳди бандаи Худро хор дидаӣ,
тоҷи ӯро ба замин задаӣ+.
41 Ҳамаи ҳисорҳои ӯро рахна кардаӣ,
қалъаҳои ӯро ба харобазор табдил додаӣ+.
42 Ҳамаи роҳгузарон ӯро ғорат мекунанд;
назди ҳамсояҳои худ нангин шудааст.
43 Ямини адуёни ӯро боло бардоштаӣ,
ҳамаи душманони ӯро шод кардаӣ.
44 Дами шамшерашро низ гардондаӣ,
ва ӯро дар ҷанг тақвият надодаӣ.
45 Шавкати ӯро ботил кардаӣ,
ва тахти ӯро ба замин андохтаӣ.
46 Айёми навҷавонии ӯро кӯтоҳ кардаӣ;
пероҳани хиҷолат бар ӯ пӯшондаӣ. Село+.
47 То ба кай, эй Худованд,
доим ниҳон хоҳӣ буд?
Ва ғазаби Ту мисли оташ аланга хоҳад зад+?
48 Ба ёд ор, чӣ гуна фонист умри ман?
Чӣ гуна тамоми банӣ-одамро ҳеҷу пуч офаридаӣ+?
49 Кист марде ки зиндагӣ карда,
мамотро намедида бошад?

Ва ҷонашро аз дасти қабр халос мекарда бошад? Село+.
50 Қуҷост эҳсонҳои пештараи Ту, эй Худованд,
ки ба Довуд бо садоқати Худ қасам хӯрдаӣ?
51 Хории бандагони Худро, эй Худованд, ба ёд ор,
ки онро аз ҳамаи қавмҳои бисьёр
дар синаи худ бардошта мегардам;
52 Хорие ки душманони Ту, эй Худованд, расондаанд;
хорие ки ба изҳои қадами масеҳи Ту расондаанд.
53 Муборак аст Худованд то абад! Омин ва омин+.

## ТАРОНАИ ҲАШТОДУ НӮҲУМ

## Дуо ба ҳузури Худои азалӣ дар бораи таваҷҷӯҳ намудан ба инсон.

1 Дуои Мусо, марди Худо.
Худовандо! Ту асрҳои аср паноҳандаи мо будӣ+.
2 Пеш аз он ки кӯҳҳо таваллуд ёбад,
ва замин ва дуньё самар оваранд,
аз азал то абад Ту вуҷуд дорӣ, эй Худо+.
3 Инсонро ба ҳолати ғубор бармегардонӣ,
ва мегӯӣ: «Банӣ-одам, баргардед!»+
4 Зеро ки ҳазор сол дар назари Ту мисли дирӯз аст,
ки гузашта бошад, ва мисли посе аз шаб+.
5 Онҳоро мисли селобе равон мекунӣ;
мисли он ки дар хоб бошанд; мисли алафе ки пагоҳӣ мерӯяд,+
6 Пагоҳӣ месабзад ва гул мекунад,
бегоҳӣ пажмурда ва хушк мешавад+.
7 Зеро ки аз ғазаби Ту адо мешавем,
ва аз хашми Ту ошуфта мегардем.
8 Гуноҳҳои моро дар пеши назари Худ гузоштаӣ,
ниҳони моро дар нури рӯи Худ+.
9 Зеро ки ҳамаи рӯзҳои мо зери қаҳри Ту гузаштааст;
солҳои худро мисли фиғоне ба сар бурдаем.
10 Рӯзҳои умри мо ҳафтод сол аст,
ва агар бақувваттар бошем — ҳаштод сол;
вале ифтихори онҳо аз заҳмат ва ҷафо иборат аст,
зеро ки зуд гузашта меравад, ва мо низ парвоз мекунем+.
11 Кист, ки қуввати хашми Туро донад,
ва қаҳри Туро ба андозае ки аз Ту тарсидан лозим аст?
12 Шумурдани айёми моро дурустакак таълим деҳ,
то ки дили пурҳикмат пайдо кунем+.
13 Баргард, эй Худованд! То ба кай?
Бар бандагони Худ шафқат намо.
14 Саҳаргоҳон моро аз эҳсони Худ сер кун,
то ки тамоми умри худ тараннум ва хурсандӣ кунем.

15 Моро хурсанд кун ба ивази рӯзҳое ки моро гирифтори залолат кардаӣ,
ба ивази солҳое ки бадӣ дидаем.
16 Бигзор аъмоли Ту бар бандагонат зоҳир шавад,
ва шавкати Ту бар фарзандони онҳо.
17 Бигзор ҳусни таваҷҷӯҳи Худованд Худои мо бар мо бошад!
Ва амали дастҳои моро бар мо тақвият намо;
ва амали дастҳои моро тақвият намо+.

## ТАРОНАИ НАВАДУМ

## Ваъдаи мадади Худо ба ҳамаи онҳое ки Ӯро дӯст доштаанд.

1 Он ки дар паноҳгоҳи Хаққи Таоло нишастааст,
дар сояи Қодири Бечун хоҳад буд+.
2 Дар ҳаққи Худованд мегӯям: «Ӯ паноҳгоҳи ман аст ва қалъаи ман;
Худои ман аст, ки ба Ӯ таваккал мекунам»+.
3 Ба яқин Ӯ туро аз доми сайёд,
аз вабои ҳалокатовар халос хоҳад кард+.
4 Бо парҳои Худ туро хоҳад пӯшонид,
ва зери болҳои Ӯ паноҳ хоҳӣ ёфт;
ростии Ӯ зиреҳ ва ҷавшан аст+.
5 Аз воҳимаи шабона нахоҳӣ тарсид,
ва аз тире ки рӯзона мепарад;+
6 Ва аз вабое ки дар торикӣ қадамгузор аст,
ва аз тоуне ки дар нимирӯзӣ талаф мекунад.
7 Ҳазорҳо ба гирду пешат хоҳанд афтод,
ва беварҳо ба яминат, аммо ба ту наздик нахоҳад шуд;
8 Фақат бо чашмонат нигоҳ хоҳӣ кард,
ва подоши шариронро хоҳӣ дид+.
9 Зеро ки ту гуфтаӣ: «Худованд паноҳгоҳи ман аст»;
Ҳаққи Таолоро ту паноҳандаи худ ихтиёр кардаӣ+.
10 Бадие ба ту рӯй нахоҳад дод,
ва офате ба хаймаи ту наздик нахоҳад шуд+.
11 Зеро ки ба фариштагони Худ дар бораи ту амр хоҳад дод,
ки туро дар ҳамаи роҳҳоят нигоҳдорӣ кунанд.
12 Туро бар кафҳои худ бардошта хоҳанд бурд,
ки мабодо пои худро ба санге бизанӣ+.
13 Бар шер ва мори айнакдор пой хоҳӣ монд;
шери ҷавон ва тимсоҳро поймол хоҳӣ кард+.
14 «Азбаски ба ман ихлос бастааст, ӯро раҳоӣ хоҳам дод;
ӯро тақвият хоҳам кард, чунки исми Маро шинохтааст+.
15 Маро хоҳад хонд, ва ӯро иҷобат хоҳам намуд;
дар тангӣ Ман бо ӯ ҳастам;
ӯро халосӣ хоҳам дод, ва ӯро ҷалол хоҳам дод+.

16 Аз умри дароз ӯро сер хоҳам кард,
ва наҷоти Худро ба ӯ нишон хоҳам дод»+.

## ТАРОНАИ НАВАДУ ЯКУМ

## Мадҳ дар шаъни Худо барои он ки Ӯ ҷаҳонро мӯъҷизакорона ва меҳрубонона идора менамояд.

1 Тарона. Суруди рӯзи шанбе.
2 Некӯст Худовандро ҳамд гуфтан,
ва исми Туро, эй Ҳаққи Таоло, сароидан,+
3 Саҳаргоҳон эҳсони Туро баён кардан,
ва шабҳо садоқати Туро,
4 Бар сози даҳтор ва бар уд, бар нағмаи барбат.
5 Зеро ки маро, эй Худованд, бо корҳои Худ шод кардаӣ;
аъмоли дастҳои Туро тараннум хоҳам кард.
6 Чӣ бузург аст аъмоли Ту, эй Худованд!
Бениҳоят амиқ аст фикрҳои Ту+.
7 Одами беақл инро намедонад,
ва аблаҳ сарфаҳм намеравад.
8 Дар сурате ки шарирон мисли алаф месабзанд,
ва ҳамаи бадкирдорон мешукуфанд,
то ки ба таври абадӣ нест шаванд, —
9 Ту то абад дар афроз ҳастӣ, эй Худованд!+
10 Зеро инак, душманони Ту, эй Худованд, —
инак, душманони Ту маҳв мегарданд
ва ҳамаи бадкирдорон пароканда мешаванд.
11 Вале шохи маро мисли гови ваҳшӣ баланд кардаӣ;
ба худ равғани тоза молидаам;+
12 Ва чашмам ба мухолифонам хоҳад нигарист;
гӯшҳоям дар бораи бадкешоне ки бар ман
қиём мекунанд, хоҳад шунид+.
13 Одил мисли нахл хоҳад шукуфт,
мисли арзи Лубнон нашъунамо хоҳад ёфт+.
14 Онҳое ки дар хонаи Худованд шинонда шудаанд,
дар саҳнҳои Худои мо хоҳанд шукуфт+.
15 Дар пирӣ низ бор хоҳанд овард,
обдор ва тару тоза хоҳанд буд,
16 То баён кунанд, ки Худованд росткор аст;

Ӯ кӯҳпораи ман аст, ва дар Ӯ ҳеҷ ноинсофӣ нест+.

# ТАРОНАИ НАВАДУ ДУЮМ

## Ҳамд кардани малакути Худо.

1 Худованд подшоҳӣ мекунад;
Худро ба хилъати кибриё оростааст;
Худованд Худро оростааст, камарбанди қувватро бастааст;
дуньё низ устувор шудааст, фурӯ нахоҳад ғалтид+.
2 Тахти Ту аз қадимулайём барқарор гардидааст;
Ту аз азал ҳастӣ+.
3 Дарьёҳо хурӯш бардоштанд, эй Худованд;
дарьёҳо овози худро бардоштанд,
дарьёҳо талотуми мавҷҳои худро хоҳанд бардошт+.
4 Аммо аз овозҳои обҳои бисьёр,
аз туғьёнҳои неруманди баҳр
Худованд дар афроз нерумандтар аст+.
5 Шаҳодоти Ту бағоят боэътимод аст;
хонаи Туро, эй Худованд, дер гоҳ кудсият зебанда аст.

## ТАРОНАИ НАВАДУ СЕЮМ

## Дуо дар бораи халосӣ додани қавми мазлум.

1 Худованд Худои интиқомҳост;
эй Худои интиқомҳо, таҷаллӣ намо!+
2 Бархез, эй Довари замин, подоши мағруронро бидеҳ+.
3 То ба кай шарирон, эй Худованд,
то ба кай шарирон шод бошанд+?
4 Лоф мезананд, ҳавобаландона сухан меронанд;
ҳамаи бадкирдорон калонигарӣ мекунанд.
5 Қавми Туро, эй Худованд, поймол месозанд,
ва бар мероси Ту зулм мекунанд+.
6 Бева ва ғарибро мекушанд,
ва ятимонро қатл мекунанд+.
7 Ва мегӯянд: «Худованд намебинад,
ва Худои Яъқуб сарфаҳм намеравад»+.
8 Бифаҳмед, эй ҷоҳилони қавм!
Ва эй бехирадон, кай ба ақл меоед?
9 Он ки гӯшро шинондааст, оё намешунавад?
Он ки чашмро офаридааст, оё намебинад+?
10 Он ки халқҳоро танбеҳ медиҳад,
оё мазаммат намекунад? — Он ки одамро ақл меомӯзад+.
11 Худованд фикрҳои одамро медонад, ки онҳо ботил аст.
12 Хушо марде ки ӯро Ту, эй Худованд, танбеҳ мекунӣ,
ва аз шариати Худ ӯро таълим медиҳӣ,+
13 То ки ӯро аз рӯзҳои бад фароғат бахшӣ,
то даме ки чоҳе барои шарир канда шавад.
14 Зеро ки Худованд қавми Худро рад нахоҳад кард,
ва мероси Худро тарк нахоҳад намуд+.
15 Зеро ки доварӣ сӯи адолат хоҳад баргашт,
ва ҳамаи ростдилон онро пайравӣ хоҳанд кард.
16 Кист, ки барои ман бар зидди бадкешон қиём кунад?
Кист, ки барои ман бар зидди бадкирдорон истодагӣ намояд?
17 Агар Худованд мададгори ман намебуд,
кам монда буд, ки ҷонам дар олами хомӯшӣ сокин шавад+.

18 Вақте ки мегуфтам: «Пои ман мелағҷад», —
эҳсони Ту, эй Худованд, маро дастгирӣ мекард.
19 Вақте ки андешаҳоям андаруни ман биафзояд,
тасаллиҳои Ту ҷонамро осудагӣ мебахшад.
20 Оё курсии фасодҳо метавонад бо Ту рафоқат дошта бошад,
ки он аз номи қонун ноинсофиро ба вуҷуд меоварад?
21 Бар ҷони одил тӯда мешаванд,
ва хуни бегуноҳро маҳкум мекунанд+.
22 Валекин Худованд қалъаи ман аст;
ва Худои ман кӯҳпораи паноҳгоҳи ман аст+.
23 Ва ҷафои онҳоро бар онҳо хоҳад баргардонид,
ва онҳоро ба ивази бадиашон нест хоҳад кард;
Худованд Худои мо онҳоро нест хоҳад кард.

# ТАРОНАИ НАВАДУ ЧОРУМ

## Суруди ҳамду сано дар шаъни Худо,

## ки Офаридагор ва Наҷотдиҳанда мебошад.

1 Биёед, дар шаъни Худованд тараннум намоем,
дар шаъни кӯҳпораи наҷоти худ бонги шодӣ занем+.
2 Пеши Ӯ бо шукрона ҳозир шавем,
дар шаъни Ӯ бо сурудҳо бонги шодӣ занем.
3 Зеро ки Худованд Худои бузург аст,
ва подшоҳи бузург бар ҳамаи худоён+.
4 Умқҳои замин дар дасти Ӯст;
ва қуллаҳои кӯҳҳо аз они Ӯст.
5 Баҳр аз они Ӯст, ва онро Ӯ ба вуҷуд овардааст;
ва хушкиро дастҳои Ӯ офаридааст+.
6 Биёед, саҷда намоем ва таъзим кунем;
пеши Худованд, ки Офаридагори мост, зону занем+.
7 Зеро ки Ӯ Худои мост, ва мо қавми чарогоҳи Ӯ
ва гӯсфандони зери дасти Ӯ ҳастем.
Имрӯз агар овози Ӯро бишнавед:+
8 «Дилҳои худро мисли замони ошӯб сахт накунед,
мисли рӯзи озмоиш дар биёбон,
9 Ки падарони шумо Маро озмуданд;
Маро имтиҳон карданд, агарчи аъмоли Маро дида буданд.
10 Чил сол бар ин насл дарғазаб шудам, ва гуфтам:
қавми гумроҳдил ҳастанд, ва роҳҳои Маро нафаҳмиданд,
11 Ба тавре ки Ман дар ғазаби Худ қасам хӯрдам,
ки онҳо ба оромии Ман дохил нахоҳанд шуд»+.

## ТАРОНАИ НАВАДУ ПАНҶУМ

## Башорат додани Худо дар миёни халқҳо.

1 •Дар шаъни Худованд суруди наве бихонед;
дар шаъни Худованд суруд хонед, эй тамоми аҳли замин!+
2 Дар шаъни Худованд суруд гӯед,
исми Ӯро муборак хонед,
наҷоти Ӯро рӯз ба рӯз башорат диҳед+.
3 Ҷалоли Ӯро дар миёни халқҳо баён намоед,
ва корҳои аҷоиби Ӯро дар миёни ҳамаи қавмҳо+.
4 Зеро ки Худованд бузург аст ва бениҳоят мамдӯҳ;
ва Ӯ саҳмгин аст бар ҳамаи худоён+.
5 Зеро ки ҳамаи худоёни қавмҳо бутҳоянд,
вале Худованд осмонро офаридааст+.
6 Шукӯҳ ва шавкат ба ҳузури Ӯст,
қувват ва ҷалолат дар қудси Ӯст.
7 Худовандро васф гӯед, эй қабилаҳои қавмҳо!
Дар шаъни Худованд васфи ҷалол ва қувватро гӯед+.
8 Дар шаъни Худованд васфи ҷалоли исми Ӯро гӯед;
ҳадия биёред ва ба саҳнҳои Ӯ биёед.
9 Ба Худованд дар шавкати қудсият саҷда кунед;
пеши Ӯ биларзед, эй тамоми аҳли замин!+
10 Ба халқҳо бигӯед: Худованд подшоҳӣ мекунад!
Дуньё низ устувор шудааст, фурӯ нахоҳад ғалтид;
Ӯ қавмҳоро аз рӯи инсоф доварӣ хоҳад кард+.
11 Бигзор осмон хурсандӣ кунад, ва замин ба ваҷд ояд;
баҳр ва ҳар чӣ дар он аст, хурӯш бардорад;+
12 Саҳро ва ҳар чӣ дар он аст, шод гардад,
ва ҳамаи дарахтони ҷангал тараннум кунанд
13 Пеши Худованд, зеро ки меояд,
зеро ки меояд, то заминро доварӣ намояд;
Ӯ дуньёро аз рӯи адолат доварӣ хоҳад кард,
ва қавмҳоро аз рӯи ростии Худ+.

# ТАРОНАИ НАВАДУ ШАШУМ

## Одилон аз ҷалоли Худованд шод мегарданд.

1 Худованд подшоҳӣ мекунад:
бигзор замин ба ваҷд ояд,
ва ҷазираҳои бисьёр хурсандӣ кунанд+.
2 Абр ва тирагӣ гирдогирди Ӯст;
адолат ва инсоф асоси тахти Ӯст+.
3 Оташ пешопеши Ӯ равон аст,
ва адуёни Ӯро гирдогирд месӯзонад+.
4 Барқҳои Ӯ дуньёро равшан мекунад;
замин мебинад ва меларзад+.
5 Кӯҳҳо аз хузури Худованд мисли мум гудохта мешавад,
аз хузури Худованди тамоми замин+.
6 Осмонҳо адолати Ӯро баён мекунанд,
ва ҳамаи қавмҳо ҷалоли Ӯро мебинанд+.
7 Ҳамаи санампарастон, ки ба бутҳо меболанд, хиҷил мешаванд;
ба Ӯ саҷда кунед, эй ҳамаи худоён!+
8 Сион шунид ва хурсандӣ кард,
ва духтарони Яҳудо шод шуданд
ба муносибати довариҳои Ту, эй Худованд+.
9 Зеро ки Ту, эй Худованд, бар тамоми замин баланд ҳастӣ,
аз ҳамаи худоён бағоят болотарӣ+.
10 Эй дӯстдорони Худованд, аз бадӣ нафрат кунед!
Ӯ ҷонҳои порсоёни Худро нигоҳдорӣ мекунад,
онҳоро аз дасти шарирон халосӣ медиҳад,+
11 Нур барои одилон медурахшад, ва шодӣ барои ростдилон+.
12 Эй одилон, дар Худованд шодӣ кунед,
ва зикри қудсияти Ӯро ҳамд гӯед+.

# ТАРОНАИ НАВАДУ ҲАФТУМ

## Суруд дар шаъни Худо, ки Довари одили тамоми ҷаҳон мебошад.

1 Тарона.
Дар шаъни Худованд суруди наве бихонед,
зеро ки Ӯ корҳои аҷоиб кард;
яминаш ва бозуи муқаддасаш Ӯро мададгор шуд+.
2 Худованд наҷоти Худро маълум кард,
адолати Худро пеши назари халқҳо зоҳир намуд.
3 Эҳсони Худ ва вафои Худро нисбат ба хонадони Исроил ба ёд овард;
тамоми ақсои замин наҷоти Худои моро диданд+.
4 Дар шаъни Худованд бонги шодӣ занед,
эй тамоми аҳли замин!
Овоз бароред ва тараннум кунед ва суруд хонед+.
5 Худовандро бо барбат бисароед,
бо барбат ва бо овози тараннум.
6 Бо карнайҳо ва овози шох
пеши Худованд Подшоҳ бонги шодӣ занед+.
7 Бигзор баҳр ва ҳар чӣ дар он аст, хурӯш бардорад;
дунъё ва сокинони он низ;+
8 Бигзор дарьёҳо каф зананд,
кӯҳҳо якҷоя тараннум кунанд+
9 Пеши Худованд, зеро ки меояд,
то заминро доварӣ намояд;
Ӯ дуньёро аз рӯи адолат доварӣ хоҳад кард,
ва қавмҳоро аз рӯи инсоф+.

## ТАРОНАИ НАВАДУ ҲАШТУМ

## Ростӣ дар малакути Худо ҳукмрон аст.

1 Худованд подшоҳӣ мекунад: бигзор қавмҳо ба ларза оянд!
Ӯ бар каррубиён нишастааст: бигзор замин мутазалзил гардад!+
2 Худованд дар Сион бузург аст;
ва Ӯ бар ҳамаи қавмҳо баланд аст+.
3 Исми Туро ҳама хоҳанд гуфт,
эй бузургвор ва саҳмгин! — Ӯ Қуддус аст.
4 Ва қуввати подшоҳ инсофро дӯст медорад.
Ту ҳаққониятро барқарор кардаӣ;
инсоф ва адолатро дар Яъқуб ба амал овардаӣ+.
5 Худованд Худои моро болобардор намоед,
ва ба қадамгоҳи Ӯ саҷда кунед! — Ӯ Қуддус аст.
6 Мусо ва Ҳорун дар миёни коҳинони Ӯ буданд,
ва Самуил дар миёни хонандагони исми Ӯ;
онҳо сӯи Худованд мехонданд, ва Ӯ онҳоро иҷобат менамуд+.
7 Дар сутуни абр ба онҳо сухан меронд;
шаҳодоти Ӯро риоя мекарданд,
ва фароизеро, ки ба онҳо дода буд+.
8 Худовандо, Худои мо! Ту онҳоро иҷобат менамудӣ;
онҳоро Худои ғаффор будӣ,
ва барои амалиёти зидди онҳо интиқом мегирифтӣ+.
9 Худованд Худои моро болобардор намоед,
ва ба кӯҳи муқаддаси Ӯ саҷда кунед! —
Зеро ки Худованд Худои мо Қуддус аст+.

# ТАРОНАИ НАВАДУ НӮҲУМ

## Суруди шукрона дар шаъни Худованд.

1 Таронаи шукрона.
Дар шаъни Худованд бонги шодӣ занед,
эй тамоми аҳли замин!+
2 Худовандро бо шодӣ ибодат намоед;
пеши Ӯ бо таронасароӣ биёед.
3 Бидонед, ки Худованд Худост;
Ӯ моро офаридааст, ва мо аз они Ӯ ҳастем,
қавми Ӯ ва гӯсфандони чарогоҳи Ӯ+.
4 Ба дарвозаҳои Ӯ бо шукрона биёед,
ба саҳнҳои Ӯ бо ҳамду сано;
Ӯро ҳамд гӯед, исми Ӯро муборак хонед+.
5 Зеро ки Худованд некӯст, эҳсони Ӯ то абад аст,
ва садоқати Ӯ то абадуддаҳр+.

## ТАРОНАИ САДУМ

## Шарирон аз шаҳри Худованд маҳв хоҳанд шуд.

1 Таронаи Довуд.
Дар шаъни эҳсон ва инсоф суруд хоҳам хонд;
Туро, эй Худованд, хоҳам сароид+.
2 Ба тариқи комил эътибор хоҳам дод,
ҳангоме ки назди ман биёяд;
андаруни хонаи худ бо ростии дили худ
рафтор хоҳам кард+.
3 Пеши назари худ чизи қабеҳро нахоҳам гузошт;
аз амали гумроҳон нафрат дорам; ба ман нахоҳад часпид.
4 Дили каҷрав аз ман дур хоҳад шуд;
бадиро нахоҳам донист.
5 Касеро, ки дар ниҳон аз ёри худ ғайбат мекунад, дафъ хоҳам кард;
шахсеро, ки чашмони ҳавобаландона ва дили пурғурур дорад, тоқат
нахоҳам кард+.
6 Чашмонам бар аминони замин аст, то ки ҳамнишини ман шаванд;
касе ки бо роҳи комил равон бошад, хизмати маро хоҳад кард.
7 Андаруни ҳонаи ман маккор сокин нахоҳад шуд;
дурӯғгӯй пеши назари ман нахохад истод.
8 Ҳар пагоҳӣ ҳамаи шарирони заминро дафъ хоҳам кард,
то ки ҳамаи бадкирдоронро аз шаҳри Худованд маҳв намоям+.

## ТАРОНАИ САДУ ЯКУМ

### Тавба кардани гуноҳкор ва ба Худованд рӯ овардани ӯ.

1 Дуои мискин, вақте ки ғамгин шуда, пеши Худованд андӯҳи
худро изҳор мекунад+.
2 Худовандо! Дуои маро бишнав,
ва истиғосаи ман назди Ту бирасад.
3 Рӯи Худро аз ман пинҳон надор,
дар рӯзи тангии ман гӯши Худро сӯи ман хам намо;
рӯзе ки бихонам, маро ба зудӣ иҷобат бикун.
4 Зеро ки рӯзҳоям мисли дуд фано шудааст,
ва устухонҳоям мисли ҳезуми нимсӯз гардидааст+.
5 Дили ман мисли алафи офтобзадае хушкидааст,
зеро ки хӯрдани нонамро фаромӯш мекунам+.
6 Аз овози оҳу воҳи ман устухонам ба пӯстам часпидааст.
7 Ба мурғи саққои биёбон монанд шудаам;
мисли буми харобазор гардидаам+.
8 Шабзиндадорӣ мекунам ва мисли мурғаке ҳастам,
ки болои бом танҳо нишаста бошад.
9 Ҳар рӯз маро душманонам маломат мекунанд;
онҳое ки аз ман девонавор нафрат доранд,
дар ман лаънат мекунанд+.
10 Зеро ки хокистарро мисли нон хӯрдаам,
ва нӯшокии худро бо ашк омехтаам,+
11 Аз боиси хашми Ту ва ғазаби Ту;
зеро ки маро боло бардоштаӣ ва сарнагун кардаӣ.
12 Рӯзҳоям мисли сояи шомгоҳ аст;
ва ман мисли алаф хушк шудаам+.
13 Валекин Ту, эй Худованд, то абад қоим ҳастӣ,
ва зикри Ту то абадуддаҳр аст+.
14 Ту бархоста, бар Сион марҳамат хоҳӣ кард;
зеро вақти он аст, ки ба вай марҳамат намоӣ,
чунки мӯҳлат расидааст;+
15 Зеро ки бандагони Ту ба сангҳои он муҳаббат доранд,
ва хоки онро азиз медоранд+.

16 Ва халқҳо аз исми Худованд хоҳанд тарсид,
ва ҳамаи подшоҳони замин аз ҷалоли Ту+.
17 Зеро ки Худованд Сионро бино кардааст;
дар ҷалоли Худ зоҳир шудааст;+
18 Ба дуои нотавонон таваҷҷӯҳ намудааст,
ва аз дуои онҳо нафрат накардааст.
19 Ин барои насли оянда навишта мешавад,
ва қавме ки офарида хоҳад шуд,
Худовандро мадҳ хоҳад кард+.
20 Зеро ки Ӯ аз афрози муқаддаси Худ мушоҳида кардааст:
Худованд аз осмон ба замин назар андохтааст,+
21 Барои он ки оҳу нолаи бандиро бишнавад,
маҳкумони мамотро аз банд озод кунад,+
22 То ки исми Худовандро дар Сион ба забон оваранд,
ва ҳамду санои Ӯро дар Ерусалим,+
23 Вақте ки қавмҳо бо ҳам ҷамъ шаванд,
ва мамлакатҳо низ, то ки Худовандро ибодат намоянд.
24 Қуввати маро дар роҳ фурӯ нишонд,
рӯзҳоямро кӯтоҳ кард.
25 Гуфтам: «Эй Худои ман! Маро дар нисфи рӯзҳоям набар.
Солҳои Ту то абадуддаҳр аст+.
26 Дар замони қадим заминро буньёд кардаӣ,
ва осмон амали дастҳои Туст+.
27 Онҳо фано хоҳанд шуд, валекин Ту қоим хоҳӣ буд;
ва ҳамаашон мисли ҷомае ҷиғда-ҷиғда хоҳанд шуд,
мисли пероҳане онҳоро хоҳӣ печонид;
ва онҳо мубаддал хоҳанд шуд+.
28 Валекин Ту ҳамон ҳастӣ,
ва солҳои Ту тамом нахоҳад шуд+.
29 Фарзандони бандагони Ту сокин хоҳанд шуд,
ва зурьёти онҳо пеши Ту барқарор хоҳанд буд»+.

## ТАРОНАИ САДУ ДУЮМ

### Мадҳ дар шаъни Худо барои марҳамат ва эҳсони Ӯ.

1 Таронаи Довуд.
Эй ҷонам, Худовандро муборак бихон,
ва эй тамоми ботинам — исми қуддуси Ӯро+.
2 Эй ҷонам, Худовандро муборак бихон,
ва ҳамаи некиҳои Ӯро фаромӯш накун.
3 Ӯ ҳамаи гуноҳҳоятро меомурзад;
ҳамаи касалиҳоятро шифо мебахшад;+
4 Ҳаётатро аз гӯр раҳо мекунад;
туро бо эҳсон ва марҳамат фаро мегирад;+
5 Зеваратро аз зебоӣ сер мекунад;
ҷавоният ба мисоли уқоб нав мешавад+.
6 Худованд адолатро ба амал меоварад,
ва додгариро барои ҳамаи ситамкашон.
7 Тариқҳои Худро ба Мусо маълум кард,
корҳои Худро ба банӣ-Исроил.
8 Худованд раҳим ва бахшанда аст,
собир ва пур аз эҳсон+.
9 Ба сурати абадӣ мазаммат намекунад,
ва қаҳрашро то абад нигоҳ намедорад+.
10 Бо мо мувофиқи хатоҳоямон амал накардааст,
ва моро мувофиқи гуноҳҳоямон сазо надодааст+.
11 Зеро, ба андозае ки осмон аз замин баланд аст,
эҳсони Ӯ бар тарсгоронаш ба ҳамон андоза бузург аст+.
12 Ба андозае ки шарқ аз ғарб дур аст,
ҷиноятҳои моро ба ҳамон андоза аз мо дур кардааст+.
13 Чунон ки падар ба фарзандон марҳамат мекунад,
ончунон Худованд ба тарсгорони Худ марҳамат менамояд+.
14 Зеро ки Ӯ сиришти моро медонад:
дар хотир дорад, ки мо хок ҳастем+.
15 Айёми инсон мисли алаф аст,
мисли гули саҳрост: ончунон мешукуфад,+
16 Аммо боде бар он мевазад, ва он нест мешавад,

ва маконаш дигар онро намешиносад+.
17 Валекин эҳсони Худованд бар тарсгоронаш
аз азал то абад аст,
ва адолати Ӯ бар фарзандони фарзандон,+
18 Бар онҳое ки аҳди Ӯро нигоҳ медоранд
ва фармудҳои Ӯро дар хотир доранд,
то ки онҳоро ба ҷо оваранд+.
19 Худованд бар осмон тахти Худро барқарор намудааст,
ва малакути Ӯ бар ҳама ҳукмфармост+.
20 Худовандро муборак бихонед, эй фариштагони Ӯ,
ки дар қувват паҳлавон ҳастед,
каломи Ӯро ба ҷо меоваред,
ва овози каломи Ӯро мешунавед+.
21 Худовандро муборак бихонед, эй ҳамаи лашкарҳои Ӯ,
ва эй хизматгузорони Ӯ, ки иродаи Ӯро ба ҷо меоваред.
22 Худовандро муборак бихонед, эй тамоми аъмоли Ӯ,
дар ҳамаи мақомҳои ҳукмфармоии Ӯ.
Эй ҷонам, Худовандро муборак бихон.

# ТАРОНАИ САДУ СЕЮМ

## Мадҳ кардани Худованд,
## ки Офаридагори ҷаҳон мебошад.

1 Эй ҷонам, Худовандро муборак бихон.
Худовандо, Худои ман! Бениҳоят бузург ҳастӣ;
шукӯҳ ва шавкат пероҳани Туст+.
2 Нурро мисли ридое дар бар мекунӣ,
осмонро мисли саропардае паҳн менамоӣ+.
3 Кӯшкҳои фалакии Худро бар обҳо месозӣ,
абрҳоро аробаи Худ мегардонӣ,
ки он бар болҳои бод ҳаракат мекунад+.
4 Бодҳоро ба фариштагони Худ табдил медиҳӣ,
хизматгорони Худро ба оташи сӯзон+.
5 Заминро бар асосҳояш барпо кардаӣ,
то абад фурӯ нахоҳад ғалтид+.
6 Бо варта мисли либосе онро пӯшондаӣ;
бар кӯҳҳо обҳо меистад.
7 Аз итоби Ту мегурезанд,
аз овози раъди Ту ба зудӣ қафо мегарданд+.
8 Кӯҳҳо боло меравaнд, водиҳо поён мефуроянд,
ба мақоме ки барояшон буньёд кардаӣ.
9 Ҳадде гузоштаӣ, то ки аз он нагузаранд
ва баргашта, заминро напӯшонанд+.
10 Чашмаҳоро ба наҳрҳо равона кардаӣ:
дар миёни кӯҳҳо ҷорӣ мешаванд,
11 Ҳамаи ҳайвонҳои саҳроро об медиҳанд;
гӯрхарон ташнагии худро мешикананд.
12 Бар онҳо мурғони ҳаво сокин мешаванд,
аз миёни навдаҳо овоз медиҳанд.
13 Кӯҳҳоро аз кӯшкҳои фалакии Худ сероб мегардонӣ;
аз самараи аъмоли Ту замин сер мешавад.
14 Алафро барои чорпо мерӯёнӣ,
ва сабзаро барои хизмати одамизод,
то ки аз замин нон ҳосил кунад,+

15 Ва шароб, ки дили инсонро шод мегардонад,
ва равған, ки рухсори ӯ аз он медурахшад,
ва нон, ки дили инсонро қувват мебахшад+.
16 Дарахтони Худованд шодоб мешаванд,
яъне арзҳои Лубнон, ки Ӯ шинондааст,
17 Ки бар онҳо мурғон лона месозанд:
сарвҳо хонаи лайлак аст;
18 Кӯҳҳои баланд барои бузҳои кӯҳист;
сахраҳо паноҳгоҳ аст барои заргӯшҳо+.
19 Моҳро барои мӯҳлатҳо офаридааст;
офтоб ғуруби худро медонад+.
20 Торикиро паҳн мекунӣ, ва шаб фаро мерасад;
дар он ҳамаи ҳайвонҳои ҷангал ҳаракат мекунанд;+
21 Шерони ҷавон барои нахчир наъра мезананд
ва хӯроки худро аз Худо металабанд+.
22 Офтоб ки тулӯъ кард, ҷамъ мешаванд
ва дар лонаҳои худ мехобанд+.
23 Одамизод барои фаъолияти худ берун меояд
ва то бегоҳӣ бо кори худ машғул мешавад.
24 Чӣ бисьёр аст аъмоли Ту, эй Худованд!
Ҳамаро аз рӯи ҳикмат ба вуҷуд овардаӣ;
замин аз офаридаҳои Ту пур аст+.
25 Инак баҳри бузург ва паҳновар:
дар он ҷо хазандагон сону шумор надоранд,
ҷонварҳои хурд ва калон.
26 Дар он ҷо киштиҳо мегарданд;
ин аждар низ, ки офаридаӣ, то ки бо он бозӣ кунӣ.
27 Ҳамаашон аз Ту чашми интизор доранд,
то ки ризқи онҳоро дар вақташ бирасонӣ+.
28 Он чи ба онҳо медиҳӣ, ҷамъ карда мегиранд;
дасти Худро мекушоӣ, аз нозу неъмат сер мешаванд+.
29 Рӯи Худро пинҳон мекунӣ, ошуфта мешаванд;
рӯҳи онҳоро кашида мегирӣ,
мемиранд ва ба хоки худ бармегарданд+.
30 Рӯҳи Худро мефиристӣ, ба вуҷуд меоянд,
ва рӯи заминро нав мегардонӣ+.

31 Ҷалоли Худованд то абад аст;
Худованд аз аъмоли Худ шод хоҳад буд+.
32 Ба замин назар меандозад, он ба ларза меояд;
ба кӯҳҳо даст мерасонад, онҳо дуд мекунанд+.
33 Тамоми умри худ дар шаъни Худованд
суруд хоҳам хонд;
то даме ки вучуд дорам, Худои худро хоҳам сароид+.
34 Бигзор гуфтори ман ба Ӯ хуш ояд;
ман дар Худованд шод хоҳам буд.
35 Бигзор хатокорон аз рӯи замин нест шаванд,
ва шарирон дигар боқӣ намонанд.
Эй ҷонам, Худовандро муборак бихон! Ҳалелуёҳ!*

## ТАРОНАИ САДУ ЧОРУМ

### Баргузидагони Худо бояд ҳамеша Худоро ҷалол диҳанд ва аҳкоми Ӯро ба ҷо оваранд.

1 •Худовандро ҳамд гӯед, исми Ӯро бихонед;
корномаҳои Ӯро дар байни қавмҳо шӯҳрат диҳед+.
2 Дар шаъни Ӯ суруд хонед, Ӯро бисароед;
аз ҳамаи корҳои аҷоиби Ӯ сухан ронед+.
3 Ба исми қуддуси Ӯ фахр кунед;
бигзор дили толибони Худованд шод бошад.
4 Худованд ва қуввати Ӯро ҷӯё шавед;
рӯи Ӯро ҳамеша толиб бошед+.
5 Корҳои аҷоиберо, ки Ӯ кардааст, ба ёд оваред:
мӯъҷизоти Ӯро, ва доварихои даҳони Ӯро,+
6 Эй зурьёти бандаи Ӯ Иброҳим,
эй банӣ-Яъқуб, ки баргузидагони Ӯ ҳастед.
7 Ӯ Худованд Худои мост;
доварихои Ӯ дар тамоми замин аст+.
8 Аҳди Худро то абад дар хотир дорад,
ва каломеро, ки ба ҳазор насл амр фармудааст,+
9 Он аҳдеро, ки бо Иброҳим бастааст,
ва қасамеро, ки барои Исҳоқ ёд кардааст,+
10 Ва онро барои Яъқуб ба ҳукми қонун даровардааст,
ва барои Исроил ба ҳукми аҳди абадӣ,
11 Яъне гуфтааст: «Замини Канъонро ба ту хоҳам дод,
то ки ҳиссаи мероси шумо шавад»;+
12 Дар сурате ки онҳо ҳанӯз одамони башумор буданд;
хеле кам ва ғариб дар он ҷо буданд;+
13 Ва аз халқе сӯи халқе овора шуда мегаштанд,
аз мамлакате сӯи қавми дигаре.
14 Нагузошт, ки касе онҳоро озор диҳад;
ва подшоҳонро аз барои онҳо танбеҳ кард:+
15 «Ба масеҳони Ман даст нарасонед,
ва ба анбиёи Ман бадӣ накунед»+.
16 Ва қаҳтиро бар замин бихонд;

ҳамаи манбаъҳои нонро нобуд кард+.
17 Пеш аз онҳо мардеро фиристод:
Юсуф ба ғуломӣ фурӯхта шуд+.
18 Пойҳои ӯро бо завлона азият доданд;
оҳан бар ҷонаш омад,
19 То даме ки сухани ӯ ба амал омад:
Сухани Худованд ӯро покиза кард+.
20 Подшоҳ кас фиристод ва бандҳои ӯро кушод;
ва ҳукмфармои қавмҳо ӯро озод кард+.
21 Ӯро бар хонаи худ оғо таъин кард,
ва ҳукмфармо бар тамоми мулки худ,+
22 То ки мирони ӯро ба салоҳдиди худ бандӣ кунад,
ва пирони ӯро ҳикмат омӯзад.
23 Ва Исроил ба Миср омад,
ва Яъқуб дар замини Ҳом ғурбатро ихтиёр кард+.
24 Ва қавми Худро бағоят борвар кард,
ва онҳоро аз адуёнашон пурзӯртар гардонд+.
25 Дили онҳоро чап кард,
то ки бо қавми Ӯ ба кин бошанд,
ва бар зидди бандагони Ӯ найрангҳо созанд+.
26 Бандаи Худ Мусоро фиристод;
Ҳорунро низ, ки баргузида буд+.
27 Суханони таъкиди Ӯро бо аломот ба онҳо пешниҳод карданд,
ва мӯъҷизотро дар замини Ҳом+.
28 Зулмотро фиристод, ва торик шуд;
ва ба каломи Ӯ муқобилат накарданд+.
29 Обҳои онҳоро ба хун табдил дод,
ва моҳиёни онҳоро миронид+.
30 Замини онҳо аз ғукҳо пур шуд;
хонаҳои подшоҳонашон низ+.
31 Гуфт, ва ҳашароти гуногун пайдо шуд,
шабушҳо низ дар тамоми ҳудуди онҳо+.
32 Ба ҷои борон бар онҳо жола боронид,
ва оташи сӯзон бар замини онҳо+.
33 Токҳо ва анҷирҳои онҳоро зад,
ва дарахтҳоро дар ҳудуди онҳо шикаст.

34 Гуфт, ва малах пайдо шуд,
ва кирмак, ки сону шумор надошт+.
35 Ва тамоми сабзаро дар замини онҳо хӯрданд,
ва самараи саҳроҳои онҳоро хӯрданд.
36 Ва ҳар нахустзодаро дар замини онҳо зарба зад,
ибтидои тамоми қуввати онҳоро+.
37 Ва онҳоро бо тилло ва нуқра берун овард,
ва дар сибтҳои Ӯ бемаҷоле набуд+.
38 Миср аз баромада рафтани онҳо шод шуд,
зеро ки тарсашон онҳоро фаро гирифта буд+.
39 Абре барои сояандозӣ паҳн кард,
ва оташе барои он ки шабона рӯшноӣ диҳад+.
40 Талаб карданд, ва бедонаҳоро фиристод,
ва аз нони осмон онҳоро сер кард+.
41 Кӯҳпораро шикоф кард, ва об ҷорӣ шуд,
дар ҷойҳои хушк мисли дарьё равон шуд+.
42 Зеро ки каломи муқаддаси Худро ба ёд овард,
ва бандаи Худ Иброҳимро+.
43 Ва қавми Худро бо шодӣ берун овард,
ва баргузидагони Худро бо тараннум+.
44 Ва заминҳои халқҳоро ба онҳо дод,
ва меҳнати қабилаҳоро мерос гирифтанд,+
45 То ки фароизи Ӯро нигоҳ доранд,
ва шариати Ӯро риоя кунанд. Ҳалелуёҳ!

## ТАРОНАИ САДУ ПАНҶУМ

### Мадҳ дар шаъни марҳамати Худованд нисбат ба қавми гуноҳкор.

1 Ҳалелуёҳ. Худовандро ҳамд гӯед, зеро ки некӯст;
зеро ки эҳсони Ӯ то абад аст+.
2 Кист, ки қудрати Худовандро тавсиф намуда тавонад,
тамоми ҳамду санои Ӯро бишнавонад?
3 Хушо касоне ки инсофро нигоҳ медоранд,
ва ҳар вақт адолатро ба амал меоваранд!+
4 Маро ба ёд ор, эй Худованд,
вақте ки ба қавми Худ таваҷҷӯҳ менамоӣ;
бо наҷоти Худ ба ман назар кун,
5 То ки хушбахтии баргузидагони Туро бинам,
ба шодмонии халқи Ту шод шавам,
бо мероси Ту фахр кунам.
6 Бо падарони Худ хато кардаем,
гуноҳкор шудаем, ба шарорат дода шудаем+.
7 Падарони мо дар Миср корҳои аҷоиби Туро нафаҳмиданд,
эҳсонҳои зиёди Туро ба ёд наоварданд,
ва назди баҳр, назди баҳри Қулзум, ошӯб андохтанд+.
8 Валекин ба хотири исми Худ онҳоро наҷот дод,
то ки қудрати Худро маълум кунад+.
9 Ва баҳри Қулзумро итоб намуд, ва он хушк шуд;
ва онҳоро дар вартаҳо,
мисли биёбон, гирифта бурд+.
10 Ва онҳоро аз дасти бадхоҳ наҷот дод,
ва аз дасти душман раҳо кард+.
11 Ва об адуёни онҳоро пӯшонд:
Як нафар ҳам аз онҳо боқӣ намонд+.
12 Ва ба суханони Ӯ имон оварданд,
ҳамду санои Ӯро сароиданд+.
13 Аммо ба зудӣ аъмоли Ӯро фаромӯш карданд,
машварати Ӯро нигарон нашуданд+.
14 Ва дар бодия ба ҳавову ҳавас дода шуданд,

ва Худоро дар биёбон озмуданд+.
15 Ва дархосташонро ба онҳо дод,
вале лоғарие бар ҷони онҳо фиристод+.
16 Ва дар бошишгоҳ ба Мусо ҳасад бурданд,
ва ба Ҳоруни қуддуси Худованд+.
17 Замин кафида, Дотонро фурӯ бурд,
ва тӯдаи Абиромро пӯшонд+.
18 Ва дар ҷамоаи онҳо оташ даргирифта,
алангаи он шариронро сӯзонд+.
19 Дар Ҳӯриб гӯсолае сохтанд,
ва ба он бут саҷда карданд+.
20 Ва ҷалоли худро иваз карданд
ба сурати гове ки алаф мехӯрад+.
21 Худои наҷотдиҳандаи худро фаромӯш карданд,
ки корҳои бузург дар Миср карда буд,+
22 Корҳои аҷоиб дар замини Ҳом,
корҳои саҳмгин назди баҳри Қулзум.
23 Ва мехост онҳоро несту нобуд кунад,
агар баргузидаи Ӯ Мусо пеши Ӯ дар рахнагоҳ намеистод,
то ки ғазаби Ӯро аз ҳалокати онҳо баргардонад+.
24 Ва аз замини дилпазир нафрат карданд:
ба каломи Ӯ имон наоварданд+.
25 Ва дар хаймаҳои худ шиква мекарданд;
овози Худовандро намешуниданд.
26 Ва дасти Худро бар онҳо бардошт,
то ки онҳоро дар биёбон афтонад,
27 Ва зурьёташонро дар миёни халқҳо афтонад,
ва онҳоро дар заминҳо пароканда кунад+.
28 Ба Баал-Фаӯр* часпиданд,
ва қурбониҳои мурдагонро мехӯрданд+.
29 Бо кирдорҳои худ ба хашм оварданд,
ва бар онҳо вабо омад.
30 Ва Финҳос бархоста, доварӣ кард,
ва он вабо аз байн рафт+.
31 Ва ин барои ӯ адолат ҳисоб карда шуд,

аз насл ба насл то абад+.
32 Ва назди оби Мерибо ба ғазаб овarданд,
ва Мусо аз боиси онҳо ҷазо дид;+
33 Зеро ки рӯҳи ӯро ба ҳаяҷон овардаnd,
ва бо лабонаш носазо гуфт+.
34 Он қавмҳоро нест накарданд,
ки Худованд ба онҳо гуфта буд,+
35 Балки бо халқҳо омехта,
аъмоли онҳоро ёд мегирифтанд+.
36 Ва бутҳои онҳоро ибодат мекарданд,
ва онҳо бароящон доме буданд+.
37 Ва писарони худ ва духтарони худро
барои девҳо қурбонӣ мекарданд;+
38 Ва хуни бегуноҳро мерехтанд, яъне хуни
писарони худ ва духтарони худро,
ки барои бутҳои Канъон қурбонӣ мекарданд, —
ва замин аз хун наҷис шуд+.
39 Ва бо аъмоли худ палид шуданд,
ва бо кирдорҳои худ зинокор гардиданд.
40 Ва ғазаби Худованд бар қавми Ӯ аланга зад,
ва аз мероси Худ нафрат кард,
41 Ва онҳоро ба дасти халқҳо супурд,
ва бадхоҳонашон бар онҳо ҳукмфармо шуданд+.
42 Ва душманонашон онҳоро ба танг меоварданд,
ва зери дасти онҳо гардан мефуроварданд+.
43 Чандин бор онҳоро раҳо кард,
вале онҳо бо худсарии худ ошӯб меандохтанд,
ва аз гуноҳи худ ба залолат меафтоданд+.
44 Валекин дар тангии онҳо назар кард,
вақте ки тазарруи онҳоро шунид,+
45 Ва аҳди Худро барои онҳо ба ёд овард,
ва аз рӯи эҳсонҳои зиёди Худ таассуф хӯрд,+
46 Ва онҳоро пеши ҳамаи асиркунандагонашон марҳамат намуд+.
47 Моро наҷот деҳ, эй Худованд Худои мо,
ва моро аз миёни халқҳо ҷамъ овар,
то ки исми қуддуси Туро ҳамд гӯем,

бо ҳамду санои Ту фахр намоем.
48 Муборак аст Худованд Худои Исроил аз азал то абад!
Ва тамоми қавм бигӯянд: «Омин». Ҳалелуёҳ!+

## ТАРОНАИ САДУ ШАШУМ

## Ҳамд дар шаъни Худованд барои наҷот додани гуноҳкороне ки тавба кардаанд.

1 Худовандро ҳамд гӯед, зеро ки некӯст;
зеро ки эҳсони Ӯ то абад аст+.
2 Растагорони Худованд бигӯянд,
ки онҳоро Ӯ аз дасти аду раҳо кардааст;+
3 Ва онҳоро аз мамлакатҳо ҷамъ овардааст:
аз шарқ ва ғарб, аз шимол ва ҷануб.
4 Дар биёбон, дар роҳи бероҳа овора буданд;
шаҳри маскуне намеёфтанд.
5 Гурусна ва ташна монданд,
ҷонашон андарунашон аз ҳол рафт.
6 Вале дар тангии худ сӯи Худованд фарьёд кашиданд;
онҳоро аз мусибатҳошон раҳо кард.
7 Ва онҳоро ба роҳи рост андохт,
то ки ба шаҳри маскун равона шаванд.
8 Бигзор Худовандро барои эҳсони Ӯ ҳамд гӯянд,
ва барои корҳои аҷоиби Ӯ аз баҳри банӣ-одам!
9 Зеро ки ҷони иштиёқмандро сер кардааст,
ва ҷони гуруснаро аз нозу неъмат пур кардааст+.
10 Дар торикӣ ва зулмот менишастанд;
бандиёни мусибат ва оҳан буданд+.
11 Зеро ки ба суханони Худо беитоатӣ карданд,
ва раъи Ҳаққи Таолоро хор диданд+.
12 Ва дили онҳоро бо меҳнат фурӯ нишонд;
бемаҷол шуданд, ва мададгоре набуд+.
13 Вале дар тангии худ сӯи Худованд фиғон карданд;
онҳоро аз мусибатҳошон наҷот дод.
14 Онҳоро аз торикӣ ва зулмот берун овард,
ва бандҳошонро барканд.
15 Бигзор Худовандро барои эҳсони Ӯ ҳамд гӯянд,
ва барои корҳои аҷоиби Ӯ аз баҳри банӣ-одам!
16 Зеро ки дарҳои мисинро шикастааст,

ва ғалақаҳои оҳанинро пора кардааст+.
17 Беақлон аз боиси роҳи ҷинояткоронаи худ
ва аз боиси гуноҳҳои худ азият мекашиданд.
18 Ҷони онҳо аз ҳар хӯрок нафрат дошт,
ва ба дарвозаи мамот расида буданд+.
19 Вале дар тангии худ сӯи Худованд фиғон карданд;
онҳоро аз мусибатҳошон наҷот дод.
20 Каломи Худро фиристод, ва онҳоро шифо бахшид,
ва онҳоро аз гӯрҳошон халос кард+.
21 Бигзор Худовандро барои эҳсони Ӯ ҳамд гӯянд,
ва барои корҳои аҷоиби Ӯ аз баҳри банӣ-одам!
22 Ва қурбониҳои шукрона забҳ кунанд,
ва аъмоли Ӯро бо тараннум васф намоянд!+
23 Касоне ки бо киштиҳо баҳр мепаймоянд
ва дар обҳои бисьёр кор мекунанд,
24 Онҳо аъмоли Худовандро диданд,
ва корҳои аҷоиби Ӯро дар қаърҳо:
25 Амр фармуд, ва боди тунде бархезонд,
ва мавҷҳои онро бардошт+.
26 Ба осмонҳо мебароварданд, ба вартаҳо мефуроварданд;
ҷонашон дар мусибат ба ларза афтод.
27 Мисли мастон чарх мезаданд ва мекалавиданд,
ва тамоми ҳикматашон саргум шуд+.
28 Вале дар тангии худ сӯи Худованд фарьёд кашиданд;
ва онҳоро аз мусибатҳошон берун овард.
29 Тундбодро ба хомӯшӣ мубаддал кард,
ва мавҷҳои онҳо сокит шуд+.
30 Ва шод шуданд, ки хомӯш гардид;
ва онҳоро ба мавзеи дилхоҳашон бурда расонд.
31 Бигзор Худовандро барои эҳсони Ӯ ҳамд гӯянд,
ва барои корҳои аҷоиби Ӯ аз баҳри банӣ-одам!
32 Ва Ӯро дар ҷамъомади қавм болобардор кунанд,
ва дар маҷлиси пирон Ӯро мадҳ намоянд!
33 Дарьёҳоро ба биёбон табдил медиҳад,
ва чашмаҳои обро ба ташназамин,+
34 Замини ҳосилхезро ба шӯрзамин,

аз боиси бадии сокинони он+.
35 Биёбонро ба кӯли об табдил медиҳад,
ва замини хушкидаро ба чашмаҳои об+.
36 Ва гуруснагонро дар он ҷо ҷойгир мекунад,
ва шаҳри маскун месозанд;
37 Ва саҳроҳоро кишт мекунанд, ва токзорҳо мешинонанд,
ва онҳо ҳосили фаровон меоваранд.
38 Ва онҳоро баракат медиҳад, ва онҳо бағоят борвар мешаванд;
ва чорпои онҳоро кам намекунад+.
39 Вале камшумор мешаванд ва аз фишори бадӣ
ва ғаму ғусса ба залолат меафтанд.
40 Забуниро бар мирон мерезад,
ва онҳоро дар бодияи бероҳа сарсону саргардон мекунад+.
41 Валекин мискинро аз залолат боло мебардорад;
ва хонаводаҳоро мисли рамаи гӯсфандон сершумор мегардонад+.
42 Росткорон инро дида, шод мешаванд;
ва ҳамаи ноинсофон даҳони худро мебанданд+.
43 Касе ки соҳиби ҳикмат аст, ба ин чизҳо диққат медиҳад;
ва эҳсонҳои Худовандро хоҳанд фаҳмид+.

# ТАРОНАИ САДУ ҲАФТУМ

## Суруд дар шаъни Худо барои наҷот додани баргузидагон ва хоку туроб кардани душманон.

1 •Суруд. Таронаи Довуд.
2 Дилам қавист, эй Худо;
суруд хоҳам хонд ва хоҳам сароид; рӯҳам низ+.
3 Эй уд ва барбат, бедор шав!
Ман субҳидамро бедор хоҳам кард+.
4 Туро, эй Худованд, дар миёни қавмҳо ҳамд хоҳам гуфт:
ва Туро дар миёни қабилаҳо хоҳам сароид.
5 Зеро ки эҳсони Ту бузург аст фавқи осмонҳо,
ва ростии Ту то афлок аст+.
6 Бар осмонҳо баланд шав, эй Худо,
ва ҷалоли Ту бар тамоми замин бод.
7 Барои он ки дӯстони Ту халосӣ ёбанд,
бо ямини Худ наҷот деҳ, ва маро иҷобат намо.
8 Худо дар қудси Худ гуфтааст:
«Хурсанд хоҳам шуд, Шакемро тақсим хоҳам кард,
ва водии Суккӯтро чен хоҳам намуд+.
9 Ҷилъод аз они Ман аст, Менашше аз они Ман;
ва Эфроим хӯди Ман аст, Яҳудо чӯбдасти салтанати Ман;
10 Мӯоб тоси шустушӯи Ман аст;
бар Адӯм кафши Худро хоҳам партофт;
бар замини Фалиштӣ фарьёд хоҳам зад».
11 Кист, ки маро ба шаҳри қалъадор дарорад?
Кист, ки маро ба Адӯм ҳидоят намояд?
12 Оё на Ту, эй Худо, моро партофтаӣ,
ва бо лашкарҳои мо, эй Худо, берун намеоӣ?
13 Ба мо аз дасти аду ёварӣ намо,
зеро ки мадади одамизод ҳеҷ аст+.
14 Бо Худо зафар хоҳем ёфт,
ва Ӯ адуёни моро хоку туроб хоҳад кард.

## ТАРОНАИ САДУ ҲАШТУМ

## Дуои шахси гирифтори таъқибот дар бораи наҷот додан аз душманон.

1 Барои сардори муғанниён. Таронаи Довуд.
Эй Худои ҳамду санои ман, хомӯш набош!+
2 Зеро ки даҳони шарорат ва даҳони макрро
бар ман кушодаанд:
бо забони кизб ба ман сухан меронанд;+
3 Ва бо суханони адоват маро иҳота менамоянд,
ва бесабаб бо ман ҷанг мекунанд;+
4 Ба ивази муҳаббати ман маро таъқиб менамоянд,
валекин ман дуогӯй;
5 Ба ивази некӣ ба ман бадӣ мекунанд,
ва ба ивази муҳаббати ман — адоват+.
6 Шарирero бар ӯ таъин намо,
ва бигзор иблис ба ямини ӯ биистад+.
7 Вақте ки ӯ ба мурофиа меояд, бигзор айбдор
шуда барояд,
ва дуои ӯ барои ӯ гуноҳ ҳисоб ёбад;+
8 Умри ӯ кӯтоҳ шавад; ҷоҳу ҷалоли ӯро дигаре бигирад;+
9 Фарзандони ӯ ятим монанд, ва занаш бева шавад;+
10 Ва фарзандони ӯ дарбадар гашта, гадоӣ кунанд,
ва аз харобазори худ дур афтода, мадад пурсанд;+
11 Қарзхоҳ тамоми молу мулки ӯро забт кунад,
ва бегонаҳо меҳнати ӯро толону тороҷ намоянд;
12 Касе набошад, ки ба ӯ эҳсон кунад,
ва касе набошад, ки ба ятимони ӯ раҳм намояд;
13 Зурьёти ӯ гирифтори ҳалокат гарданд:
дар насли дигар номашон маҳв шавад;+
14 Гуноҳи падарони ӯ назди Худованд зикр ёбад,
ва хатои модари ӯ аз хотир наравад;+
15 Дар мадди назари Худованд ҳамеша бошанд,
ва Ӯ зикри онҳоро аз замин нест кунад,+
16 Аз барои он ки ӯ эҳсон карданро дар ёд надошт,

балки одами мискин ва камбағал
ва дилрешро таъқиб мекард, то ки ба мурдан расонад.
17 Ва лаънатро дӯст медошт, ва он ба сари ӯ омад;
ва баракатро хоҳон набуд, ва он аз ӯ дур шуд.
18 Ва лаънатро мисли либоси худ дар бар кард,
ва он мисли об андаруни ӯ дохил шуд,
ва мисли равған дар устухонҳои ӯ+.
19 Пас бигзор он барои ӯ мисли ҷомае бошад,
ки ӯ пӯшида мегардад,
ва мисли миёнбанде ки бо он ҳамеша камар мебандад.
20 Чунин аст подош аз ҷониби Худованд барои адуёнам,
ва барои онҳое ки бар ҷонам бадгӯӣ мекунанд!
21 Валекин Ту, эй Худованд Худо, ба хотири исми Худ бо ман амал намо,
зеро ки эҳсони Ту некӯст; маро раҳоӣ деҳ+.
22 Зеро ки ман мискин ва камбағал ҳастам,
ва дилам андаруни ман реш-реш аст+.
23 Мисли сояи шомгоҳ ба боди фано меравам;
мисли малах ронда мешавам+.
24 Зонуҳоям аз рӯзадорӣ бемаҷол гардидааст,
ва ҷисмам бе равған монда, лоғар шудааст.
25 Ва ман назди онҳо нангин шудаам:
маро дида, сари худро меҷунбонанд.
26 Маро мададгор бош, эй Худованд Худои ман!
Бо эҳсони Худ маро наҷот деҳ,
27 То бидонанд, ки ин дасти Туст,
ва Ту, эй Худованд, инро кардаӣ.
28 Онҳо лаънат мехонанд, вале Ту баракат деҳ;
бигзор онҳо қиём карда, шарманда шаванд,
вале бандаи Ту шод гардад.
29 Адуёнам либоси расвоӣ дар бар кунанд,
ва шармандагии худро мисли ҷомае бипӯшанд+.
30 Худовандро бо забони худ бағоят ҳамд хоҳам гуфт,
ва дар миёни мардуми бисьёр Ӯро мадҳ хоҳам кард.
31 Зеро ки ба ямини мискин меистад,
то ӯро аз онҳое ки ҷонашро маҳкум кардан мехоҳанд, наҷот диҳад+.

## ТАРОНАИ САДУ НӮҲУМ

## Нубувват дар бораи ҷалол ёфтани Писари Худо.

1 Таронаи Довуд.
Худованд ба Худованди ман гуфт:
«Ба ямини Ман бинишин,
то душманони Туро зери пои Ту андозам»+.
2 Асои қуввати Туро Худованд аз Сион хоҳад фиристод;
дар миёни душманони Худ хукмронӣ намо+.
3 Қавми Ту дар рӯзи қуввати Ту ба ихтиёр
ҳозир шуданд, дар сару либоси қудсият;
аз батни субҳидам шабнами ҷавонии Ту барои Туст.
4 Худованд қасам хӯрдааст, ва таассуф нахоҳад хӯрд:
Ту коҳин ҳастӣ то абад, ба монанди Малкисодақ+.
5 Худованд ба ямини Туст.
Дар рӯзи ғазаби Худ подшоҳонро шикаст хоҳад дод,+
6 Бар халқҳо доварӣ хоҳад намуд, —
аз ҷасадҳои мурда пур хоҳад кард;
сарро дар замини паҳновар хоҳад кӯфт;+
7 Аз наҳри сари роҳ хоҳад нӯшид,
бинобар ин сар хоҳад бардошт.

# ТАРОНАИ САДУ ДАҲУМ

## Ҳамду сано барои наҷот додани баргузидагоне ки аҳкоми Худоро ба ҷо меоваранд.

1 Ҳалелуёҳ.
Худовандро бо тамоми дил ҳамд хоҳам гуфт
дар шӯрои росткорон ва дар ҷамоат+.
2 Аъмоли Худованд бузург аст;
матлуб аст барои ҳамаи шавқмандони он+.
3 Кори Ӯ шукӯҳ ва шавкат аст;
ва адолати Ӯ то абад қоим аст+.
4 Корҳои аҷоиби Худро василаи зикр гардондааст;
Худованд бахшанда ва раҳим аст+.
5 Ба тарсгорони Худ ризқу рӯзӣ додааст;
аҳди Худро ба сурати абадӣ дар хотир дорад+.
6 Қуввати аъмоли Худро ба қавми Худ зоҳир сохт,
то ки мероси халқҳоро ба онҳо бидиҳад.
7 Аъмоли дастҳои Ӯ ростӣ ва инсоф аст;
ҳамаи фармудҳои Ӯ боэътимод аст:
8 То абад матин аст; бар ростӣ ва росткорӣ асос ёфтааст.
9 Раҳоӣ барои қавми Худ фиристод,
аҳди Худро ба сурати абадӣ амр фармуд;
исми Ӯ қуддус ва саҳмгин аст!+
10 Тарси Худованд ибтидои ҳикмат аст,
хиради некӯст барои ҳар касе ки онҳоро
ба ҷо меоварад;
ҳамду санои Ӯ то абад қоим аст+.

## ТАРОНАИ САДУ ЁЗДАҲУМ

## Ваъдаи хушбахтӣ ба тарсгорони Худованд.

1 Ҳалелуёҳ.
Хушо касе ки аз Худованд метарсад;
ба аҳкоми Ӯ бисьёр шавқ дорад+.
2 Зурьёти ӯ дар замин зӯровар хоҳанд буд;
насли росткорон баракат хоҳанд ёфт+.
3 Фаровонӣ ва сарват дар хонаи ӯст;
ва адолати ӯ то абад қоим аст+.
4 Дар торикӣ барои росткорон нур тулӯъ мекунад;
бахшанда ва раҳим ва одил аст+.
5 Некӯст касе ки мебахшад ва қарз медиҳад;
корҳои худро аз рӯи инсоф мураттаб менамояд+.
6 Зеро ки ҳаргиз фурӯ нахоҳад ғалтид:
одил то абад зикр хоҳад ёфт+.
7 Аз овозаи бад наметарсад;
дилаш қавист, ба Худованд таваккал мекунад+.
8 Дилаш матин аст, наметарсад;
то даме ки нокомии адуёнашро бубинад+.
9 Исроф намудааст: ба мискинон тақсим карда додааст;
адолаташ то абад қоим аст;
шохаш дар ҷалол баланд хоҳад шуд+.
10 Шарир инро дида, ба хашм хоҳад омад,
дандонҳояшро ғиҷиррос занонда, сӯзу гудоз хоҳад кард;
орзуи шарирон нест хоҳад шуд+.

## ТАРОНАИ САДУ ДУВОЗДАҲУМ

## Исми Худованд муборак бод.

1 Ҳалелуёҳ.
Эй бандагони Худованд, мадҳ кунед!
Исми Худовандро мадҳ кунед!
2 Исми Худованд муборак бод, аз ҳоло ва то абад!+
3 Аз тулӯи офтоб то ғуруби он
исми Худованд мамдӯҳ аст+.
4 Худованд бар ҳамаи халқҳо баланд аст;
ҷалоли Ӯ бар осмонҳост+.
5 Кист монанди Худованд Худои мо,
ки бар афрозҳо нишаста,+
6 Хам мешавад, то ки бар осмон ва бар замин назар кунад+?
7 Бенаворо аз хок мебардорад,
мискинро аз ахлот баланд мекунад,+
8 То ки бо мирон шинонад, бо мирони қавми Худ.
9 Зани нозойро дар хона мешинонад ҳамчун модаре ки аз
фарзандонаш шодмон аст. Ҳалелуёҳ!+

# ТАРОНАИ САДУ СЕЗДАҲУМ

## Ҳамд ва шукрона дар шаъни Худо.

1 Вақте ки Исроил аз Миср берун омад,
ва хонадони Яъқуб аз қавми бегоназабон,+
2 Яҳудо қудси Ӯ буд, Исроил — ҳокимияти Ӯ.
3 Баҳр инро дида, гурехт; Урдун қафо гашт+.
4 Кӯҳҳо мисли қӯчқорон ҷастухез карданд,
ва талҳо — мисли барраҳо+.
5 Туро чӣ шуд, эй баҳр, ки гурехтӣ?
Ва эй Урдун, ки қафо гаштӣ?
6 Ва эй кӯҳҳо, ки мисли қӯчқорон ҷастухез кардед,
ва эй талҳо, ки мисли барраҳо?
7 Аз ҳузури Худованд ба ларзиш ой, эй замин!
Аз ҳузури Худои Яъқуб,+
8 Ки кӯҳпораро ба кӯли об табдил медиҳад,
ва санги хороро ба чашмаи об+.
9 На моро, эй Худованд, на моро,
балки исми Худро ҷалол деҳ;
ба хотири эҳсони Худ, ба хотири ростии Худ.
10 Чаро халқҳо гӯянд: «Худои онҳо куҷост?»+
11 Валекин Худои мо дар осмон аст;
ҳар чӣ хоҳад, ба амал меоварад+.
12 Бутҳои онҳо нуқра ва тиллост, амали дастҳои одамизод+.
13 Онҳо даҳон доранд, вале ҳарф намезананд;
чашм доранд, вале намебинанд;+
14 Гӯш доранд, вале намешунаванд;
бинӣ доранд, вале намебӯянд;
15 Даст доранд, вале ламс намекунанд,
по доранд, вале роҳ намераванд;
аз гулӯи худ садое намебароранд+.
16 Созандагонашон мисли онҳо хоҳанд буд,
ва ҳар касе ки ба онҳо таваккал мекунад+.
17 Эй Исроил! Ба Худованд таваккал кунед;
мададгори онҳо ва сипари онҳо Ӯст.
18 Эй хонадони Ҳорун! Ба Худованд таваккал кунед;
мададгори онҳо ва сипари онҳо Ӯст+.

19 Эй тарсгорони Худованд!
Ба Худованд таваккал кунед;
мададгори онҳо ва сипари онҳо Ӯст.
20 Худованд моро ба ёд оварда, баракат хоҳад дод;
хонадони Исроилро баракат хоҳад дод;
хонадони Ҳорунро баракат хоҳад дод;
21 Тарсгорони Худовандро баракат хоҳад дод;
хурдонро бо бузургон.
22 Худованд шуморо афзун хоҳад кард;
шумо ва фарзандони шуморо+.
23 Шумо мубораки Худованд ҳастед,
ки Ӯ осмон ва заминро офаридааст.
24 Осмон осмони Худованд аст,
валекин заминро ба банӣ-одам додааст.
25 На мурдагон Худовандро мадҳ мекунанд,
ва на ҳамаи фурӯравандагони гӯр+.
26 Вале мо Худовандро муборак хоҳем хонд,
аз ҳоло ва то абад.
Ҳалелуёҳ!+

## ТАРОНАИ САДУ ЧОРДАҲУМ

## Шодмонӣ дар бораи наҷот.

1 Худовандро дӯст медорам,
зеро ки овози маро, зориҳои маро мешунавад;+
2 Зеро ки гӯши Худро сӯи ман хам намудааст,
бинобар ин тамоми умри худ Ӯро хоҳам хонд.
3 Камандҳои мамот маро фаро гирифт
ва азобҳои гӯр маро дарьёфт;
ба тангӣ ва ғаму ғусса дучор шудам+.
4 Он гоҳ исми Худовандро хондам:
«Лутфан, эй Худованд, ҷонамро бираҳон».
5 Худованд бахшанда ва одил аст;
ва Худои мо раҳмон аст+.
6 Худованд соддадилонро нигоҳдорӣ мекунад:
ранҷур будам, ва маро наҷот дод.
7 Эй ҷонам, ба оромии худ баргард,
зеро ки Худованд ба ту тавaҷҷӯҳ намудааст+.
8 Зеро ки ҷонамро аз мамот халосӣ додаӣ,
чашмамро аз ашк, поямро аз лағжидан+.
9 Пеши Худованд дар замини зиндаҳо роҳ хоҳам рафт+.

## ТАРОНАИ САДУ ПОНЗДАҲУМ

### Мамоти порсоён дар назари Худованд гарон аст.

1 Имон доштам, бинобар ин мегуфтам:
«Ман бағоят уқубат кашидаам»+.
2 Ман дар маъюсии худ мегуфтам:
«Ҳар одам козиб аст»+.
3 Ба Худованд чӣ подош диҳам
барои ҳамаи некиҳое ки ба ман кардааст+?
4 Косаи наҷотро хоҳам бардошт,
ва исми Худовандро хоҳам хонд.
5 Назрҳоямро ба Худованд адо хоҳам кард,
пеши тамоми қавми Ӯ+.
6 Мамоти порсоёни Худованд дар назари Ӯ гарон аст+.
7 Лутфан, эй Худованд, ман бандаи Ту ҳастам;
ман бандаи Ту ва писари канизи Ту ҳастам;
бандҳои маро кушодаӣ+.
8 Барои Ту қурбонии шукронаро забҳ хоҳам кард,
ва исми Худовандро хоҳам хонд+.
9 Назрҳоямро ба Худованд адо хоҳам кард,
пеши тамоми қавми Ӯ,
10 Дар саҳнҳои хонаи Худованд;
андаруни ту, эй Ерусалим! Ҳалелуёҳ!

## ТАРОНАИ САДУ ШОНЗДАҲУМ

### Эҳсони бузурги Худованд ба одамон.

1 Худовандро мадҳ кунед, эй ҳамаи халқҳо!
Ӯро ситоиш намоед, эй ҳамаи умматҳо!+
2 Зеро ки эҳсони Ӯ бар мо ғолиб омадааст;
ва ростии Худованд то абад аст.
Ҳалелуёҳ!+

## ТАРОНАИ САДУ ҲАФДАҲУМ

### Ҳамду санои одилон дар шаъни Худованд.

1 Худовандро ҳамд гӯед, зеро ки некӯст;
зеро ки эҳсони Ӯ то абад аст+.
2 Исроил бигӯянд: «Зеро ки эҳсони Ӯ то абад аст!»
3 Хонадони Ҳорун бигӯянд:
«Зеро ки эҳсони Ӯ то абад аст!»
4 Тарсгорони Худованд бигӯянд:
«Зеро ки эҳсони Ӯ то абад аст!»
5 Аз тангӣ Худовандро хондам;
Худованд маро дар вусъатобод иҷобат намуд+.
6 Худованд бо ман аст, нахоҳам тарсид:
одамизод ба ман чӣ метавонад бикунад+?
7 Худованд мададгори ман аст,
ва ман нокомии бадхоҳони худро хоҳам дид+.
8 Паноҳ бурдан ба Худованд беҳ аст
аз таваккал кардан ба одамизод+.
9 Паноҳ бурдан ба Худованд беҳ аст
аз таваккал кардан ба мирон.
10 Ҳамаи халқҳо маро иҳота кардаанд; —
ба исми Худованд онҳоро албатта нест хоҳам кард+.
11 Даври маро гирифтаанд ва маро иҳота кардаанд; —
ба исми Худованд онҳоро албатта нест хоҳам кард.
12 Мисли занбӯрҳо даври маро гирифтаанд,
мисли оташи хорзор хомӯш шудаанд; —
ба исми Худованд онҳоро албатта нест хоҳам кард.
13 Маро сахт тела додӣ, то ки афтам,
вале Худованд ба ман мадад расонд.
14 Худованд қуввати ман ва суруди ман аст,
ва наҷоти ман шудааст+.
15 Овози тараннум ва наҷот дар хаймаҳои одилон аст;
ямини Худованд бо қудрат амал мекунад+.
16 Ямини Худованд баланд мебардорад;
ямини Худованд бо қудрат амал мекунад.

17 Нахоҳам мурд, балки зиндагӣ хоҳам кард,
ва аъмоли Худовандро эълон хоҳам намуд+.
18 Худованд маро сахт ҷазо дод,
валекин маро ба мурдан нарасонд.
19 Дарвозаҳои адолатро барои ман воз кунед;
ба онҳо даромада, Худовандро ҳамд хоҳам гуфт+.
20 Инак дарвозаи Худованд;
одилон ба он дохил хоҳанд шуд+.
21 Туро ҳамд мегӯям,
зеро ки маро иҷобат намудаӣ ва наҷоти ман шудаӣ.
22 Санге ки меъморон рад карданд,
санги сари гӯшаи бино гардид:+
23 Ин аз ҷониби Худованд шуд,
ва дар назари мо ҳайратангез аст.
24 Ҳамин рӯзро Худованд ба амал овард:
дар он ба ваҷд омада, шодӣ хоҳем кард.
25 Лутфан, эй Худованд, наҷот деҳ!
Лутфан, эй Худованд, комьёб соз!
26 Муборак аст Он ки ба исми Худованд меояд!
Шуморо аз хонаи Худованд баракат мехоҳем+.
27 Худованд Худост, ки моро нур бахшидааст;
қурбониро бо танобҳо баста, то бурҷҳои қурбонгоҳ баред+.
28 Ту Худои ман ҳастӣ, ва Туро ҳамд мегӯям;
эй Худои ман, Туро болобардор менамоям.
29 Худовандро ҳамд гӯед, зеро ки некӯст;
зеро ки эҳсони Ӯ то абад аст+.

## ТАРОНАИ САДУ ҲАЖДАҲУМ

## Қуввати мӯъҷизаосои каломи Худо.

1 Хушо касони ростроҳ,
ки мувофиқи шариати Худованд рафтор мекунанд+.
2 Хушо онҳое ки шаҳодоти Ӯро риоя мекунанд,
бо тамоми дил толиби Ӯ мебошанд.
3 Ноинсофӣ низ намекунанд, бо роҳҳои Ӯ мераванд+.
4 Ту фармудҳои Худро амр кардӣ,
то ки онҳоро пурра ба ҷо оварем.
5 Кошки роҳҳои ман дуруст мебуд,
то ки фароизи Туро нигоҳ дорам!
6 Он гоҳ хиҷил нахоҳам шуд,
вақте ки ба тамоми аҳкоми Ту назар андозам+.
7 Туро бо ростии дил ҳамд хоҳам гуфт,
вақте ки довариҳои одилонаи Туро таълим гирам.
8 Фароизи Туро нигоҳ хоҳам дошт;
маро тамоман тарк накун+.
9 Ба чӣ васила ҷавон роҳи худро покиза медорад?
Бо нигоҳ доштани худ мувофиқи каломи Ту+.
10 Бо тамоми дили худ толиби Ту шудаам;
маро нагузор, ки саҳв карда, аз аҳкоми Ту сар тобам+.
11 Сухани Туро дар дили худ ниҳон доштаам,
то ки пеши Ту хато накунам+.
12 Эй Худованд, Ту муборак ҳастӣ!
Фароизи Худро ба ман таълим деҳ+.
13 Ҳамаи довариҳои даҳони Туро
бо лабҳои худ баён кардаам+.
14 Дар роҳи шаҳодоти Ту хурсандам,
чунон ки дар сарвати беҳтарин+.
15 Дар бораи фармудҳои Ту фикру хаёл мекунам,
ва ба роҳҳои Ту назар меандозам+.
16 Аз фароизи Ту ҳаловат мебарам;
каломи Туро фаромӯш нахоҳам кард.
17 Ба бандаи Худ таваҷҷӯҳ намо,

то ки зинда монам ва каломи Туро нигоҳдорӣ кунам.
18 Чашмони маро воз кун,
то ки аз Таврoти Ту корҳои аҷоибро бубинам.
19 Ман дар замин ғариб ҳастам;
аҳкоми Худро аз ман пинҳон надор+.
20 Ҷонам ба лаб омадааст аз орзуи он ки
доварихои Туро дар ҳар вақт бидонад+.
21 Бадқасдони малъунро,
ки аз аҳкоми Ту сар метобанд, итоб намудаӣ+.
22 Маломат ва тамасхурро аз ман дафъ кун,
зеро ки шаҳодоти Туро риоя намудаам.
23 Мирон низ нишаста, ба муқобили ман сухан меронанд;
аммо бандаи Ту дар бораи фароизи Ту
фикру хаёл мекунад+.
24 Шаҳодоти Ту низ ҳаловати ман аст,
машваратчиёни ман аст.
25 Ҷонам ба хок яксон шудааст;
аз рӯи каломи Худ маро зинда гардон.
26 Роҳҳои худро баён кардаам, ва маро иҷобат намудаӣ;
фароизи Худро ба ман таълим деҳ.
27 Тариқи фармудҳои Худро ба ман бифаҳмон,
то ки дар бораи корҳои аҷоиби Ту фикру хаёл кунам.
28 Ҷонам аз андӯҳ об шудааст;
аз рӯи каломи Худ маро қоим гардон+.
29 Роҳи кизбро аз ман дур кун,
ва шариати Худро ба ман ато фармо.
30 Тариқи ростиро баргузидаам;
доварихои Туро пеши назари худ мебинам.
31 Ба шаҳодоти Ту часпидаам;
Худовандо, маро хиҷил накун.
32 Бо роҳи аҳкоми Ту хоҳам давид,
зеро ки диламро фараҳ хоҳӣ бахшид.
33 Тариқи фароизи Худро, эй Худованд,
ба ман нишон деҳ, то ки онро то ба охир пайравӣ намоям.
34 Маро фаҳм бибахш, то ки шариати Туро
пайравӣ намоям,

ва онро бо тамоми дил нигоҳдорӣ кунам+.
35 Маро ба роҳи аҳкоми Худ ҳидоят намо,
зеро ки онро хостаам.
36 Диламро ба шаҳодоти Худ моил гардон,
ва на ба тамаъкорӣ+.
37 Чашмонамро аз дидани чизҳои ҳеҷу пуч пешгирӣ намо;
дар тариқи Худ маро зинда гардон.
38 Сухани Худро бо бандаи Худ,
ки ба тарси Ту дода шудааст, иҷро намо.
39 Маломати маро, ки аз он метарсам, пешгирӣ намо,
зеро ки довариҳои Ту некӯст.
40 Инак, фармудҳои Туро орзумандам;
аз рӯи адолати Худ маро зинда гардон.
41 Бигзор эҳсонҳои Ту, эй Худованд, бар ман биёяд,
ва наҷоти Ту мувофиқи сухани Ту,
42 То ки ба ҷавоби бадгӯи худ чизе гуфта тавонам,
зеро ки ба каломи Ту таваккал кардаам+.
43 Ва каломи ростиро аз даҳонам тамоман нагир;
зеро ки ба довариҳои Ту умед бастаам;
44 Ва шариати Туро ҳамеша
нигоҳдорӣ хоҳам кард то абад.
45 Дар вусъатобод роҳ хоҳам рафт,
зеро ки фармудҳои Туро ҷӯё шудаам.
46 Дар бораи шаҳодоти Ту пеши подшоҳон
сухан хоҳам ронд, ва ор нахоҳам дошт+.
47 Ва аз аҳкоми Ту, ки дӯст медорам,
ҳаловат хоҳам бурд+.
48 Ва кафҳои худро сӯи аҳкоми Ту,
ки дӯст медорам, хоҳам бардошт,
ва дар бораи фароизи Ту фикру хаёл хоҳам кард.
49 Каломи Худро бо бандаи Худ ба ёд ор,
ки ба василаи он маро умед бахшидаӣ.
50 Ин дар мусибатам тасаллои ман аст,
зеро ки сухани Ту маро зинда гардонд.
51 Бадқасдон маро бисьёр тамасхур карданд;
бо вуҷуди он аз шариати Ту сар натофтам+.

52 Довариҳои қадимии Туро, эй Худованд,
ба ёд меовардам, ва тасаллӣ меёфтам.
53 Оташинӣ маро дар бар мегирад аз шароне
ки шариати Туро тарк кардаанд+.
54 Фароизи Ту сурудҳои ман буд дар ғарибистони ман+.
55 Шабона исми Туро, эй Худованд, ба ёд меовардам,
ва шариати Туро нигоҳдорӣ мекардам.
56 Он аз они ман гардидааст,
зеро ки фармудҳои Туро риоя намудаам.
57 Худованд насибаи ман аст;
гуфтам, ки каломи Туро нигоҳдорӣ кунам+.
58 Марҳамати Туро бо тамоми дил илтиҷо кардаам:
мувофиқи сухани Худ ба ман марҳамат намо.
59 Роҳҳоямро андешидаам,
ва пойҳоямро сӯи шаҳодоти Ту баргардондаам.
60 Барои нигоҳдории аҳкоми Ту шитофтаам
ва дер накардаам.
61 Камандҳои шарирон маро иҳота намуд;
лекин шариати Туро фаромӯш накардам+.
62 Нисфи шаб мехестам, то ки Туро ҳамд гӯям
барои довариҳои одилонаи Ту+.
63 Ман ба ҳамаи онҳое ки аз Ту метарсанд,
рафиқ ҳастам;
ва ба онҳое ки фармудҳои Туро
нигоҳдорӣ мекунанд.
64 Аз эҳсони Ту, эй Худованд, замин пур аст;
фароизи Худро ба ман таълим деҳ+.
65 Ба бандаи Худ, эй Худованд,
мувофиқи каломи Худ некӣ кардаӣ.
66 Ақли некӯ ва донишро ба ман таълим деҳ;
зеро ки ба аҳкоми Ту имон овардаам.
67 Пеш аз он ки ба залолат афтам, ман саҳв менамудам;
вале акнун сухани Туро нигоҳдорӣ мекунам.
68 Ту некӯ ва некӯкор ҳастӣ;
фароизи Худро ба ман таълим деҳ+.
69 Бадқасдон дар ҳаққи ман дурӯғ мебофанд;

лекин ман бо тамоми дил фармудҳои Туро пайравӣ хоҳам кард+.
70 Дили онҳо мисли дунба равған бастааст;
лекин ман аз шариати Ту ҳаловат мебарам+.
71 Барои ман некӯст, ки уқубат кашидаам,
то ки фароизи Туро таълим гирам+.
72 Барои ман шариати даҳони Ту беҳ аст
аз ҳазорҳо тилло ва нуқра+.
73 Дастҳои Ту маро офаридааст ва барпо кардааст;
маро фаҳм бибахш, то ки аҳкоми Туро таълим гирам+.
74 Тарсгорони Ту маро дида, шод хоҳанд шуд,
зеро ки ба каломи Ту умед бастаам+.
75 Медонам, эй Худованд, ки довариҳои Ту одилона аст;
ва маро барҳақ уқубат додаӣ.
76 Пас, бигзор эҳсони Ту тасаллои ман гардад;
мувофиқи сухани Ту бо бандаи Ту.
77 Бигзор марҳамати Ту бар ман биёяд,
то ки зинда шавам;
зеро ки шариати Ту ҳаловати ман аст.
78 Бигзор бадқасдон хиҷил шаванд,
зеро ки ноҳақ ба ман ноинсофӣ карданд;
аммо ман дар бораи фармудҳои Ту фикру хаёл мекунам.
79 Бигзор тарсгорони Ту сӯи ман баргарданд,
ва шаҳодоти Туро бидонанд.
80 Бигзор дилам дар фароизи Ту комил бошад,
то ки хиҷил нашавам+.
81 Ҷонам барои наҷоти Ту хаста мешавад:
ба каломи Ту умед бастаам.
82 Чашмонам барои сухани Ту хаста мешавад;
мегӯям: «Кай маро тасаллӣ хоҳӣ дод?»+
83 Зеро ки мисли машки дудхӯрда гардидаам;
аммо фароизи Туро фаромӯш накардаам.
84 Чӣ қадар аст рӯзҳои бандаи Ту?
Таъқибкунандагони маро кай доварӣ хоҳӣ кард+?
85 Бадқасдон, ки ба шариати Ту мувофиқ нестанд,
барои ман чоҳҳо канданд+.
86 Тамоми аҳкоми Ту ҳақ асту рост;

маро ноҳақ таъқиб мекунанд; ба ман ёварӣ намо.
87 Кам монда буд, ки дар замин кори маро тамом кунанд;
валекин ман фармудҳои Туро тарк накардам.
88 Аз рӯи эҳсони Худ маро зинда гардон,
то ки шаҳодати даҳони Туро нигоҳдорӣ кунам.
89 Каломи Ту, эй Худованд, то абад аст;
дар осмонҳо қоим аст+.
90 Садоқати Ту то абадуддаҳр аст;
заминро офаридаӣ, ва он истодааст+.
91 Мувофиқи дастурҳои Ту то имрӯз истодаанд;
зеро ки ҳама бандаи Ту ҳастанд+.
92 Агар шариати Ту ҳаловати ман намебуд,
дар мусибати худ нобуд мешудам.
93 Фармудҳои Туро ҳаргиз фаромӯш нахоҳам кард;
зеро ки бо онҳо маро зинда гардондаӣ.
94 Ман аз они Ту ҳастам, маро наҷот деҳ;
зеро ки фармудҳои Туро ҷӯё шудаам.
95 Шарирон маро поида гаштаанд, то ки маро нобуд кунанд;
аммо ман шаҳодоти Туро муроқиба менамоям.
96 Барои ҳар камоле заволе дидаам;
аммо аҳкоми Ту бағоят васеъ аст.
97 Шариати Туро чӣ сон дӯст медорам!
Тамоми рӯз фикру хаёлам дар бораи он аст.
98 Аҳкоми Ту маро аз душманонам зиёдтар ҳикмат омӯхтааст;
зеро ки он ҳамеша бо ман аст+.
99 Аз ҳамаи муаллимони худ донотар шудаам;
зеро ки фикру хаёлам дар бораи шаҳодоти Туст.
100 Аз пирон бомаърифаттар шудаам;
зеро ки фармудҳои Туро риоя менамоям+.
101 Аз ҳар гуна роҳи бад пойҳоямро боздоштаам,
то ки каломи Туро нигоҳдорӣ кунам+.
102 Аз дастурҳои Ту дур нашудаам,
зеро ки Ту маро таълим медиҳӣ.
103 Чӣ ширин аст сухани Ту ба коми ман!
Ва ба даҳонам аз асал ширинтар аст+.
104 Аз фармудҳои Ту бомаърифат шудаам;

бинобар ин аз ҳар гуна роҳи кизб нафрат дорам.
105 Каломи Ту чароғ аст барои поям;
ва нур аст барои роҳам+.
106 Қасам хӯрдаам ва онро ба ҷо хоҳам овард,
ки довариҳои одилонаи Туро нигоҳдорӣ кунам+.
107 Бисьёр ба залолат афтодаам; Худовандо,
мувофиқи каломи Худ маро зинда гардон.
108 Ба ҳадияҳои даҳонам таваҷҷӯҳ намо, эй Худованд!
Ва дастурҳои Худро ба ман таълим деҳ.
109 Ҷонам ҳамеша дар кафи ман аст;
вале шариати Туро фаромӯш намекунам.
110 Шарирон барои ман дом ниҳодаанд;
вале аз фармудҳои Ту дур нашудаам+.
111 Шаҳодоти Туро то абад мероси худ кардаам;
зеро ки онҳо хурсандии дили ман аст+.
112 Диламро ба иҷрои фароизи Ту моил кардаам;
ба сурати абадӣ, то ба охир.
113 Аз ҳардамхаёлон нафрат дорам;
вале шариати Туро дӯст медорам.
114 Паноҳ ва сипари ман Ту ҳастӣ;
ба каломи Ту умед бастаам+.
115 Аз ман дур шавед, эй бадкешон!
Аҳкоми Худои худро пайравӣ хоҳам кард+.
116 Маро мувофиқи сухани Худ дастгирӣ намо,
то ки зинда шавам;
ва аз умедам хиҷил нагардон.
117 Ба ман ёварӣ намо, то ки наҷот ёбам;
ва ҳамеша ба фароизи Ту назар дӯзам.
118 Ҳамаи онҳоеро, ки аз фароизи Ту
дур шудаанд, вожгун кардаӣ;
зеро ки найранги онҳо бефоида аст.
119 Ҳамаи шарирони заминро мисли занги оҳан тарошида нест
мекунӣ;
бинобар ин шаҳодоти Туро дӯст доштаам.
120 Аз тарси Ту мӯи баданам сих шудааст;
ва аз довариҳои Ту метарсам+.

121 Инсоф ва адолатро пеша кардаам;
маро ба ситамгаронам таслим накун.
122 Бар нафъи бандаи Худ зомин шав,
то ки бадқасдон ба ман ситам накунанд+.
123 Чашмонам барои наҷоти Ту хаста мешавад,
ва барои сухани адолати Ту+.
124 Бо бандаи Худ аз рӯи эҳсони Худ амал намо,
ва фароизи Худро ба ман таълим деҳ.
125 Ман бандаи Ту ҳастам; маро фаҳм бибахш,
то ки шаҳодоти Туро дарк намоям.
126 Вақти он аст, ки Худованд амал кунад;
шариати Туро поймол кардаанд.
127 Лекин ман аҳкоми Туро дӯст медорам,
бештар аз тилло ва зари холис+.
128 Бинобар ин ҳамаи фармудҳои Туро
дар ҳар бобат рост мешуморам;
аз ҳар роҳи кизб нафрат дорам.
129 Шаҳодоти Ту аҷоиб аст;
бинобар ин ҷонам онҳоро риоя мекунад.
130 Оғози каломи Ту нур мепошад,
соддадилонро фаҳм мебахшад+.
131 Даҳонамро васеъ кушода нафас мегирам;
зеро ки ташнаи аҳкоми Ту ҳастам+.
132 Ба ман лутф ва марҳамат намо;
чунон ки дӯстдорони исми Туро сазовор аст.
133 Қадамҳоямро дар сухани Худ устувор гардон;
ва ҳеҷ бадиро нагузор, ки бар ман ҳукмрон шавад.
134 Маро аз ситами одамизод раҳоӣ деҳ,
то ки фармудҳои Туро нигоҳдорӣ кунам.
135 Рӯи Худро ба бандаи Худ мунаввар намо,
ва фароизи Худро ба ман таълим деҳ+.
136 Ҷӯйборҳои об аз чашмонам равон аст,
аз дасти онҳое ки шариати Туро нигоҳдорӣ намекунанд+.
137 Ту, эй Худованд, одил ҳастӣ,
ва довариҳои Ту ҳақ асту рост.
138 Шаҳодоти Худро бо адолат амр фармудаӣ,

ва бо ростии мутлақ.
139 Рашки ман кори маро тамом кардааст,
зеро ки адуёнам каломи Туро фаромӯш кардаанд.
140 Сухани Ту бағоят покиза аст,
ва бандаи Ту онро дӯст медорад+.
141 Ман хурд ва ҳақир ҳастам,
аммо фармудҳои Туро фаромӯш накардаам.
142 Адолати Ту адолат аст то абад,
ва шариати Ту ҳақ асту рост+.
143 Тангӣ ва кулфат маро дарьёфтааст;
аҳкоми Ту ҳаловати ман аст.
144 Адолати шаҳодоти Ту то абад аст;
маро фаҳм бибахш, то ки зинда шавам.
145 Бо тамоми дил мехонам: маро иҷобат намо,
эй Худованд,
то ки фароизи Туро пайравӣ намоям.
146 Туро мехонам: маро наҷот деҳ,
то ки шаҳодоти Туро нигоҳдорӣ кунам.
147 Пеш аз дамидани субҳ хеста, истиғоса мебарам;
ба каломи Ту умед бастаам+.
148 Чашмонам дар посҳои шаб кушода мешавад,
то ки дар бораи сухани Ту фикру хаёл кунам.
149 Овози маро аз рӯи эҳсони Худ бишнав;
Худовандо, аз рӯи инсофи Худ маро зинда гардон.
150 Шавқмандони фисқу фуҷур наздик омадаанд;
онҳо аз шариати Ту дур ҳастанд.
151 Ту, эй Худованд, наздик ҳастӣ,
ва тамоми аҳкоми Ту ҳақ асту рост+.
152 Аз қадим шаҳодоти Туро донистаам,
ки онҳоро ба сурати абадӣ бунъёд кардаӣ.
153 Ба мусибатам назар кун ва маро раҳоӣ деҳ,
зеро ки шариати Туро фаромӯш накардаам.
154 Доди маро бигир ва маро бираҳон;
мувофиқи сухани Худ маро зинда гардон+.
155 Аз шарирон наҷот дур аст,
зеро ки толиби фароизи Ту нестанд.

156 Марҳаматҳои Ту бисьёр аст, эй Худованд;
аз рӯи инсофи Худ маро зинда гардон+.
157 Таъқибкунандагонам ва адуёнам бисьёранд;
лекин аз шаҳодоти Ту сар натофтаам+.
158 Хоинонро мебинам ва мутанаффир мешавам,
чунки онҳо сухани Туро нигоҳдорӣ намекунанд+.
159 Бубин, ки фармудҳои Туро дӯст медорам;
Худовандо, аз рӯи эҳсони Худ маро зинда гардон.
160 Таҳкурсии каломи Ту ҳақ асту рост,
ва ҳар доварии одилонаи Ту то абад аст+.
161 Мирон маро бар абас таъқиб мекунанд;
вале дилам аз каломи Ту метарсад+.
162 Аз сухани Ту шодмонам,
мисли касе ки ғанимати бисьёре ба даст оварда бошад+.
163 Аз кизб кароҳат дорам ва мутанаффир мешавам;
шариати Туро дӯст медорам.
164 Рӯзе ҳафт карат Туро мадҳ менамоям
барои довариҳои одилонаи Ту.
165 Дӯстдорони шариати Ту осоиштагии зиёде доранд,
ва чизе ба онҳо монеъ намешавад.
166 Ба наҷоти Ту, эй Худованд, умед бастаам,
ва аҳкоми Туро иҷро мекунам+.
167 Ҷонам шаҳодоти Туро нигоҳдорӣ мекунад;
онҳоро бағоят дӯст медорам.
168 Фармудҳои Туро, ва шаҳодоти Туро нигоҳдорӣ мекунам,
зеро ки ҳамаи роҳҳоям пеши назари Туст+.
169 Бигзор тазаррӯи ман пеши Ту, эй Худованд,
наздик шавад;
мувофиқи каломи Худ маро фаҳм бибахш.
170 Бигзор истиғосаам пеши Ту бирасад;
мувофиқи сухани Худ маро халосӣ деҳ.
171 Лабҳоям ҳамду санои Туро ифода хоҳад кард,
вақте ки фароизи Худро ба ман таълим диҳӣ.
172 Забонам сухани Туро хоҳад сароид,
зеро ки тамоми аҳкоми Ту адл аст.
173 Бигзор дасти Ту мададгори ман бошад,

зеро ки фармудҳои Туро баргузидаам.
174 Орзуманди наҷоти Ту ҳастам, эй Худованд,
ва шариати Ту ҳаловати ман аст.
175 Бигзор ҷонам зинда бошад, то ки Туро мадҳ кунад;
ва довариҳои Ту ба ман мадад расонанд.
176 Мисли гӯсфанди гумшуда роҳро гум кардаам:
бандаи Худро талаб кун,
зеро ки аҳкоми Туро фаромӯш накардаам+.

## ТАРОНАИ САДУ НУЗДАҲУМ

## Дуо дар бораи халосӣ додан аз бӯҳтонгӯён.

1 Суруди суууд.
Дар тангии худ сӯи Худованд хондам,
ва маро иҷобат намуд.
2 Худовандо! Ҷонамро аз лабҳои дурӯғгӯй халосӣ деҳ,
ва аз забони ҳилагар+.
3 Чӣ чизе ба ту хоҳад дод ва чӣ чизе ба ту хоҳад афзуд,
эй забони ҳилагар?
4 Тирҳои тези марговар бо ахгарҳои ратам+.
5 Вой бар ҳолам, ки дар Машах маъво гирифтаам,
назди хаймаҳои Қедор сокин шудаам+.
6 Дер гоҳ ҷонам бо бадхоҳони сулҳу осоиштагӣ сокин буд.
7 Ман сулҳҷӯ ҳастам, ва ҳангоме ки сухан меронам,
онҳо рӯй ба ҷанг меоваранд.

## ТАРОНАИ САДУ БИСТУМ

## Мадад аз ҷониби Худованд.

1 Суруди сууд.
Чашмонамро сӯи кӯҳҳо менигаронам.
Мадади ман аз куҷо меояд+?
2 Мадади ман аз ҷониби Худованд аст,
ки Ӯ осмон ва заминро офаридааст+.
3 Ӯ нахоҳад гузошт, ки поят билағҷад:
нигаҳбонат пинак нахоҳад кард+.
4 Инак, нигаҳбони Исроил пинак нахоҳад кард
ва хоб нахоҳад рафт.
5 Худованд нигаҳбони туст;
Худованд соябони туст ба ямини ту+.
6 Рӯзона офтоб туро нахоҳад зад, ва шабона — моҳ.
7 Худованд туро аз ҳар бадӣ нигоҳ хоҳад дошт,
ҷонатро нигоҳдорӣ хоҳад кард.
8 Худованд баромаданатро, ва омаданатро нигоҳдорӣ хоҳад кард, аз ҳоло ва то абад+.

## ТАРОНАИ САДУ БИСТУ ЯКУМ

### Дуо — шукрона гуфтан аст ба Худо.

1 Суруди сууди Довуд.
Шод шудам, вақте ки ба ман гуфтанд:
«Ба хонаи Худованд биравем»+.
2 Пойҳои мо назди дарвозаҳои ту истодааст,
эй Ерусалим, —
3 Ерусалими ободон, ҳамчун шаҳре
ки комилан ба ҳам пайвастааст, —
4 Ки ба он ҷо сибтҳо, сибтҳои Худованд,
сууд мекарданд, то ки, мувофиқи шаҳодати Исроил,
исми Худовандро ҳамд гӯянд;+
5 Зеро ки дар он ҷо курсиҳои доварӣ меистод,
курсиҳои хонадони Довуд+.
6 Барои Ерусалим сулҳу осоиштагӣ талаб кунед:
бигзор дӯстдорони ту некрӯз бошанд!+
7 Бигзор сулҳу осоиштагӣ дар истеҳкомҳои ту бошад,
ва некрӯзӣ дар қасрҳои ту!
8 Ба хотири бародаронам ва ёронам мегӯям,
ки сулҳу осоиштагӣ бар ту бод!
9 Ба хотири хонаи Худованд Худои
мо барои ту некӯӣ металабам+.

# ТАРОНАИ САДУ БИСТУ ДУЮМ

## Дуо дар бораи наҷот додан аз золимон.

1 Суруди суууд.
Сӯи Ту чашмонамро менигаронам,
эй, ки бар осмонҳо нишастаӣ!+
2 Инак, чунон ки чашмони ғуломон сӯи дасти оғоёни онҳост,
чунон ки чашмони каниз сӯи дасти хотуни ӯст,
ончунон чашмони мо сӯи Худованд Худои мост,
то даме ки ба мо марҳамат намояд.
3 Ба мо марҳамат намо, эй Худованд, ба мо марҳамат намо,
зеро ки басо мо аз таҳқир сер шудаем+.
4 Басо ҷони мо аз тамасхури лоуболон
ва таҳқири мағрурон сер гардидааст+.

## ТАРОНАИ САДУ БИСТУ СЕЮМ

### Худованд ба мо дар мӯҳтоҷӣ мадад мерасонад.

1 Суруди сууди Довуд.
Агар Худованд бо мо намебуд, — Исроил бигӯянд, —+
2 Агар Худованд бо мо намебуд,
вақте ки одамон бар мо қиём карданд,
3 Он гоҳ моро зинда ба зинда фурӯ мебурданд,
вақте ки хашмашон бар мо оташ гирифта буд;+
4 Он гоҳ обҳо моро ғарқ мекард,
селоб бар ҷони мо мегузашт;+
5 Он гоҳ обҳои хурӯшон бар ҷони мо мегузашт.
6 Муборак аст Худованд,
ки моро тӯъмаи дандонҳои онҳо нагардонд.
7 Ҷони мо мисли мурғе аз доми сайёдон раҳо шуд;
дом вайрон шуд, ва мо раҳоӣ ёфтем+.
8 Мадади мо дар исми Худованд аст,
ки Ӯ осмон ва заминро офаридааст+.

## ТАРОНАИ САДУ БИСТУ ЧОРУМ

## Худованд ба некон мадад мерасонад.

1 Суруди сууд.
Онҳое ки ба Худованд таваккал мекунанд,
мисли кӯҳи Сион ҳастанд, ки фурӯ намеғалтад,
ва то абад пойдор аст+.
2 Кӯҳҳо гирдогирди Ерусалим аст, ва Худованд гирдогирди қавми
Худ, аз ҳоло ва то абад.
3 Зеро ки асои шарорат бар қисмати одилон қарор нахоҳад ёфт, то ки
одилон
дастҳои худро ба ноинсофӣ дароз накунанд.
4 Ба некон, эй Худованд, некӣ кун,
ва ба онҳое ки дилашон рост аст.
Валекин касоне ки ба каҷравӣ моиланд,
5 Худованд онҳоро ҳамроҳи бадкирдорон равона хоҳад кард.
Сулҳу осоиштагӣ бар Исроил бод!+

## ТАРОНАИ САДУ БИСТУ ПАНҶУМ

## Суруди шодиёнаи наҷотъёфтагон.

1 Суруди суруд.
Вақте ки Худованд асирони Сионро баргардонд,
мисли хоббинандагон будем+.
2 Он гоҳ даҳони мо аз ханда пур буд,
ва забони мо аз тараннум;
он гоҳ дар миёни халқҳо мегуфтанд:
«Худованд чизҳои бузурге барои онҳо ба амал овард!»+
3 Худованд бо мо корҳои бузурге кард; мо шод гаштем+.
4 Худованд асирони моро баргардонд,
мисли маҷроҳои об дар ҷануби хушк.
5 Онҳое ки бо ашк кишт мекунанд,
бо тараннум дарав хоҳанд кард.
6 Касе ки гирьякунон рафта, халтаи тухмиро мекашонад,
бо тараннум баргашта, дарзаҳои худро хоҳад кашонд+.

## ТАРОНАИ САДУ БИСТУ ШАШУМ

## Бе Худо тамоми ҷидду ҷаҳд бар абас мебошад.

1 Суруди сууди Сулаймон.
Агар Худованд хонаро бино накунад,
бинокорони он бар абас меҳнат мекунанд;
агар Худованд шаҳрро нигаҳбонӣ накунад,
посбони он бар абас ҷадал менамояд+.
2 Бар абас шумо бармаҳал мехезед,
то бевақтӣ менишинед, нони ранҷро мехӯред,
дар сурате ки Ӯ ба маҳбуби Худ хоб мебахшад+.
3 Инак, фарзандон мерос аз ҷониби Худованд ҳастанд;
самари батн муздест аз ҷониби Ӯ+.
4 Чӣ гунае ки тирҳо дар дасти зӯровар аст,
он гунаанд фарзандони айёми ҷавонӣ.
5 Хушо марде ки тирдонашро аз онҳо пур карда бошад!
Хиҷил нахоҳанд шуд,
вақте ки бо душманон назди дарвоза сухан ронанд.

# ТАРОНАИ САДУ БИСТУ ҲАФТУМ

## Тарсгорони Худо некрӯз мебошанд.

1 Суруди сууд.
Хушо ҳар тарсгори Худованд,
ки бо роҳҳои Ӯ меравад!+
2 Аз меҳнати кафҳои худ хоҳӣ хӯрд;
ту хушбахт ҳастӣ, ва некӯӣ бо туст+.
3 Занат мисли токи борвар андаруни хонаи туст,
фарзандонат мисли ниҳолҳои зайтун дар гирди суфраи ту+.
4 Инак, марди тарсгори Худованд
чунин баракат хоҳад ёфт.
5 Худованд туро аз Сион баракат хоҳад дод,
ва карруфари Ерусалимро тамоми айёми зиндагии худ хоҳӣ дид+.
6 Ва фарзандони фарзандонатро хоҳӣ дид.
Сулҳу осиштагӣ бар Исроил бод!+

# ТАРОНАИ САДУ БИСТУ ҲАШТУМ

## Бигзор онҳое ки аз Сион нафрат доранд, хиҷил шаванд.

1 Суруди сууд.
Басо маро аз ҷавониам ба танг оварданд, —
бигӯяд Исроил, —+
2 Басо маро аз ҷавониам ба танг оварданд;
бо вуҷуди ин бар ман ғолиб наомаданд.
3 Бар тахтапуштам шудгоркунандагон шудгор карданд;
ҷӯякҳои худро дароз карданд+.
4 Лекин Худованд одил аст:
бандҳои шариронро пора-пора кард.
5 Бигзор ҳамаи бадхоҳони Сион хиҷил шаванд
ва қафо гарданд;+
6 Мисли сабзаи болои бомҳо бошанд,
ки пеш аз гул карданаш хушк мешавад,+
7 Ки даравгар кафи худро аз он пур намекунад,
ва дарзабанд қучоқи худро,
8 Ва роҳгузарон намегӯянд:
«Баракати Худованд бар шумо бод;
шуморо ба исми Худованд баракат мехоҳем»+.

## ТАРОНАИ САДУ БИСТУ НӮҲУМ

## Дуо дар бораи омурзидани гуноҳкорон.

1 Суруди сууд.
Аз умқҳо Туро, эй Худованд, мехонам+.
2 Худовандо! Овози маро бишнав.
Бигзор гӯшҳои Ту ба овози зориҳоям диққат намояд+.
3 Агар Ту, эй Худованд, гуноҳҳоро ба назар гирӣ,
кист, эй Худованд, ки истодагӣ карда тавонад?
4 Аммо омурзиш назди Туст, то ки саҳмгин бошӣ+.
5 Ба Худованд умедворам, ҷонам умедвор аст;
ва ба каломи Ӯ умед бастаам.
6 Ҷонам Худовандро мунтазир аст,
зиёда аз он ки посбонон субҳидамро,
посбонон субҳидамро.
7 Эй Исроил, ба Худованд умед банд,
зеро ки эҳсон назди Худованд аст,
ва халосӣ назди Ӯ бисьёр аст,+
8 Ва Ӯ Исроилро аз ҳамаи гуноҳҳои вай халосӣ хоҳад дод+.

# ТАРОНАИ САДУ СИЮМ

## Умед бастан ба Худо.

1 Суруди сууди Довуд.
Худовандо! Дилам мағрур нест, ва чашмонам ҳавобаландона нигоҳ намекунад,
ва ман аз паи корҳои бузург намедавам,
ва аз паи корҳои аҷоибе ки аз дастам намеояд,+
2 Балки ҷонамро ором ва сокит мекунам,
мисли кӯдаки аз сина ҷудошудае ки дар оғӯши модараш мехобад;
ҷонам андаруни ман мисли кӯдакест,
ки аз сина ҷудо карда шудааст.
3 Эй Исроил, ба Худованд умед банд, аз ҳоло ва то абад+.

## ТАРОНАИ САДУ СИЮ ЯКУМ

## Худованд ваъдаҳои Худро ба ҷо меоварад.

1 Суруди сууд.
Довудро, эй Худованд, ба ёд ор, тамоми меҳнати ӯро,+
2 Ки ба Худованд қасам хӯрда буд,
ба Қодири Яъқуб назр карда буд:
3 «Зери сақфи хонаи худ дохил нахоҳам шуд,
бар ҷойхоби худ нахоҳам баромад,+
4 Хоб ба чашмони худ нахоҳам дод,
ва ғанаб ба мижгони худ,
5 То даме ки мақоме барои Худованд пайдо кунам,
ва масканҳо барои Қодири Яъқуб».
6 Инак, дар бораи он дар Эфрот шунидаем,
онро дар саҳрои Ёар ёфтаем.
7 Ба масканҳои Ӯ меоем, ба қадамгоҳи Ӯ саҷда мекунем+.
8 Бархез, эй Худованд, ба оромгоҳи Худ биё, —
Ту ва сандуқи шавкати Ту+.
9 Коҳинони Ту ҷомаи адолат хоҳанд пӯшид,
ва порсоёни Ту тараннум хоҳанд кард+.
10 Ба хотири бандаи Худ Довуд,
рӯи масеҳи Худро барнагардон+.
11 Худованд ба Довуд ба ростӣ қасам хӯрдааст,
ва аз он нахоҳад баргашт:
«Аз самари батни ту бар тахти ту хоҳам гузошт;+
12 Агар писаронат аҳди Маро нигоҳдорӣ кунанд,
ва шаҳодати Маро, ки ба онҳо таълим хоҳам дод:
писарони онҳо низ ба сурати абадӣ
бар тахти ту хоҳанд нишаст»+.
13 Зеро ки Худованд Сионро баргузидааст;
онро барои нишемангоҳи Худ хостааст:+
14 «Ин аст оромгоҳи Ман ба сурати абадӣ;
дар ин ҷо хоҳам нишаст, зеро ки онро хостаам.
15 Ҳосилоташро баракат хоҳам дод,
камбағалонашро аз нон сер хоҳам кард+.

16 Ва коҳинонашро ҷомаи наҷот хоҳам пӯшонид;
ва порсоёнаш пайваста тараннум хоҳанд кард.
17 Дар он ҷо шохи Довудро хоҳам сабзонид;
чароғе барои масеҳи Худ хоҳам барафрӯхт+.
18 Душманони ӯро ҷомаи хиҷолат хоҳам пӯшонид;
валекин бар ӯ тоҷи ӯ дурахшон хоҳад шуд».

# ТАРОНАИ САДУ СИЮ ДУЮМ

## Хушбахтии муоширот.

1 Суруди сууди Довуд.
Инак, чӣ хуш аст ва чӣ дилпазир,
ки бародарон дар як ҷой ҳамнишин бошанд;+
2 Мисли равғани некӯ бар сар,
ки шорида ба риш мефурояд;
ба риши Ҳорун, ки ба гиребони ридои ӯ мефурояд;+
3 Мисли шабнами Ҳермӯн, ки ба кӯҳҳои Сион мефурояд,
зеро ки дар он ҷо Худованд баракатро
амр фармудааст; ва ҳаётро то абад+.

## ТАРОНАИ САДУ СИЮ СЕЮМ

## Ваъдаи баракатҳои Худо.

1 Суруди сууд.
Ҳон, Худовандро муборак бихонед, эй ҳамаи бандагони Худованд,
ки шабҳо дар хонаи Худованд меистед!+
2 Дастҳои худро сӯи қудс боло кунед,
ва Худовандро муборак бихонед+.
3 Худованд, ки офаринандаи осмон ва замин аст,
туро аз Сион баракат хоҳад дод+.

## ТАРОНАИ САДУ СИЮ ЧОРУМ

## Мадҳ дар шаъни Худои Қодир.

1 Ҳалелуёҳ.
Исми Худовандро мадҳ кунед!
Мадҳ кунед, эй бандагони Худованд,
2 Ки дар хонаи Худованд меистед:
дар саҳнҳои хонаи Худои мо+.
3 Ҳалелуёҳ! Зеро ки Худованд некӯст;
исми Ӯро бисароед, зеро ки дилпазир аст.
4 Зеро ки Худованд Яъқубро барои Худ
баргузидааст, ва Исроилро ҳамчун азизи Худ+.
5 Яқин медонам, ки Худованд бузург аст,
ва Худованди мо аз ҳамаи худоён бартарӣ дорад+.
6 Худованд ҳар чӣ хоҳад, ба амал меоварад:
дар осмон ва дар замин, дар баҳрҳо ва дар ҳамаи вартаҳо+.
7 Абрҳоро аз ақсои замин боло мебардорад;
барқҳоро барои борон ба вуҷуд меоварад;
бодро аз ганҷинаҳои Худ берун мекунад+.
8 Ӯ нахустзодагони Мисрро зарба задааст:
аз одамизод то чорпо+.
9 Аломот ва мӯъҷизотро ба даруни Миср фиристодааст:
бар фиръавн ва бар ҳамаи ғуломони вай+.
10 Ӯ халқҳои бисьёрро зарба задааст,
ва подшоҳони зӯроварро куштааст:+
11 Сихӯн подшоҳи амӯриёнро, ва Ӯҷ подшоҳи Бошонро,
ва ҳамаи мамлакатҳои Канъонро+.
12 Ва замини онҳоро мерос додааст:
мерос ба қавми Худ Исроил+.
13 Худовандо! Исми Ту то абад аст.
Худовандо! Зикри Ту то абадуддаҳр аст+.
14 Зеро ки Худованд қавми Худро доварӣ хоҳад кард,
ва бар бандагони Худ тараҳҳум хоҳад намуд+.
15 Бутҳои халқҳо нуқра ва тиллост,
амали дастҳои одамизод+.

16 Онҳо даҳон доранд, вале ҳарф намезананд;
чашм доранд, вале намебинанд;+
17 Гӯш доранд, вале гӯш намекунанд,
дар даҳонашон низ нафасе нест+.
18 Созандагонашон мисли онҳо хоҳанд буд,
ва ҳар касе ки ба онҳо таваккал мекунад+.
19 Эй хонадони Исроил! Худовандро муборак бихонед.
Эй хонадони Ҳорун! Худовандро муборак бихонед.
20 Эй хонадони Левӣ! Худовандро муборак бихонед.
Эй тарсгорони Худованд! Худовандро муборак бихонед+.
21 Худованд аз Сион муборак аст, сокини Ерусалим аст. Ҳалелуёҳ!+

# ТАРОНАИ САДУ СИЮ ПАНҶУМ

## Мадҳ дар шаъни марҳамати Худо.

1 Худовандро ҳамд гӯед, зеро ки некӯст;
зеро ки эҳсони Ӯ то абад аст+.
2 Худои худоёнро ҳамд гӯед,
зеро ки эҳсони Ӯ то абад аст+.
3 Худованди худовандонро ҳамд гӯед,
зеро ки эҳсони Ӯ то абад аст.
4 Ӯро, ки танҳо Худаш корҳои аҷоиби бузурге мекунад,
зеро ки эҳсони Ӯ то абад аст+.
5 Ӯро, ки осмонро хирадмандона офаридааст,
зеро ки эҳсони Ӯ то абад аст+.
6 Ӯро, ки заминро бар обҳо густурдааст,
зеро ки эҳсони Ӯ то абад аст+.
7 Ӯро, ки найирҳои бузург офаридааст,
зеро ки эҳсони Ӯ то абад аст:+
8 Офтобро барои салтанати рӯз,
зеро ки эҳсони Ӯ то абад аст;
9 Моҳ ва ситорагонро барои салтанати шаб,
зеро ки эҳсони Ӯ то абад аст.
10 Ӯро, ки Мисрро дар нахустзодагони онҳо зарба задааст,
зеро ки эҳсони Ӯ то абад аст;+
11 Ва Исроилро аз миёни онҳо берун овардааст,
зеро ки эҳсони Ӯ то абад аст;+
12 Бо дасти тавоно ва бо бозуи тӯлонӣ,
зеро ки эҳсони Ӯ то абад аст.
13 Ӯро, ки баҳри Қулзумро тақсим кардааст,
зеро ки эҳсони Ӯ то абад аст;+
14 Ва Исроилро аз миёнаи он гузарондааст,
зеро ки эҳсони Ӯ то абад аст;
15 Ва фиръавн ва лашкари варо дар баҳри
Қулзум андохтааст,
зеро ки эҳсони Ӯ то абад аст+.
16 Ӯро, ки қавми Худро дар биёбон бурдааст,

зеро ки эҳсони Ӯ то абад аст+.
17 Ӯро, ки подшоҳони бузургро зарба задааст,
зеро ки эҳсони Ӯ то абад аст;+
18 Ва подшоҳони нерумандро куштааст,
зеро ки эҳсони Ӯ то абад аст:
19 Сиҳӯн подшоҳи амӯриёнро,
зеро ки эҳсони Ӯ то абад аст;+
20 Ва Ӯҷ подшоҳи Бошонро,
зеро ки эҳсони Ӯ то абад аст;+
21 Ва замини онҳоро мерос додааст,
зеро ки эҳсони Ӯ то абад аст,
22 Мерос ба бандаи Худ Исроил,
зеро ки эҳсони Ӯ то абад аст.
23 Моро дар залолати мо ба ёд овардааст,
зеро ки эҳсони Ӯ то абад аст;
24 Ва моро аз адуёни мо халосӣ додааст,
зеро ки эҳсони Ӯ то абад аст+.
25 Ӯ ба тамоми башар ризқу рӯзӣ медиҳад,
зеро ки эҳсони Ӯ то абад аст+.
26 Худои осмонро ҳамд гӯед,
зеро ки эҳсони Ӯ то абад аст.

# ТАРОНАИ САДУ СИЮ ШАШУМ

## Суруд назди наҳрҳои Бобил.

1 Назди наҳрҳои Бобил,
он ҷо менишастем, мегиристем низ,
вақте ки Сионро ба ёд меовардем+.
2 Бар дарахтони бед, ки андаруни он буд,
барбатҳои худро овехтем,
3 Зеро ки дар он ҷо асиркунандагони мо аз мо суханони сурудро талаб мекарданд,
ва зулмкунандагони мо — шодмониро:
«Барои мо аз сурудҳои Сион бихонед».
4 Чӣ тавр мо суруди Худовандро
дар замини бегона бихонем?
5 Агар туро, эй Ерусалим, фаромӯш кунам,
бигзор ямини ман фаромӯш шавад;+
6 Забонам ба комам бичаспад,
агар туро ба ёд наоварам,
агар Ерусалимро бар сари шодмонии худ нагузорам+.
7 Худовандо! Рӯзи Ерусалимро
ба банӣ-Адӯм ёдоварӣ намо, ки гуфта буданд:
«Вайрон кунед, аз буньёдаш вайрон кунед!»+
8 Эй духтари Бобили табоҳкор!
Хушо касе ки сазои туро диҳад,
барои сазое ки ба мо додаӣ+.
9 Хушо касе ки кӯдакони туро гирифта,
ба сахра занад+.

## ТАРОНАИ САДУ СИЮ ҲАФТУМ

## Суруди шукрона барои мададди Худо.

1 Таронаи Довуд.
Бо тамоми дилам Туро ҳамд хоҳам гуфт;
дар рӯ ба рӯи худоён Туро хоҳам сароид+.
2 Сӯи қасри қудси Ту саҷда хоҳам кард,
ва исми Туро барои эҳсони Ту
ва барои ростии Ту ҳамд хоҳам гуфт;
зеро ки исми Худ ва сухани Худро
аз ҳар чиз бузург кардаӣ+.
3 Дар рӯзе ки Туро хондам, маро иҷобат намудӣ,
қувватро дар ҷонам афзун кардӣ.
4 Туро, эй Худованд, ҳамаи подшоҳони замин
ҳамд хоҳанд гуфт,
вақте ки суханони даҳони Туро бишнаванд,
5 Ва тариқҳои Худовандро хоҳанд сароид,
зеро ки ҷалоли Худованд бузург аст.
6 Ҳар чанд ки Худованд баланд аст,
ба замин назар мекунад,
ва ҳавобаландро аз дур мешиносад.
7 Агарчи андаруни тангӣ роҳ меравам,
маро зинда хоҳӣ гардонд;
бар хашми душманонам дасти Худро равона хоҳӣ кард,
ва ямини Ту маро наҷот хоҳад дод+.
8 Худованд ба нафъи ман анҷом хоҳад дод. Худовандо!
Эҳсони Ту то абад аст;
кори дастҳои Худро тарк накун+.

# ТАРОНАИ САДУ СИЮ ҲАШТУМ

## Корҳои аҷоиби Худованд.

1 Барои сардори муғанниён. Таронаи Довуд.
Худовандо! Маро тафтиш намудаӣ, ва мешиносӣ+.
2 Ту шинухези маро медонӣ;
андешаҳои маро аз дур мефаҳмӣ+.
3 Атвор ва кирдори маро санҷидаӣ,
ва ҳамаи роҳҳоям ба Ту маълум аст+.
4 Калимае ҳанӯз бар забонам нест,
ки Ту, эй Худованд, онро ба куллӣ медонӣ.
5 Аз қафо ва аз пеш маро фаро гирифтаӣ,
ва кафи Худро бар ман гузоштаӣ.
6 Ин аҷаб муаммост, ки аз донистанаш оҷизам:
чунон баланд аст, ки онро фаҳмида наметавонам+.
7 Аз Рӯҳи Ту куҷо равам? Ва аз ҳузури Ту куҷо гурезам+?
8 Агар ба осмон бароям, он ҷо Ту ҳастӣ,
ва агар дар гӯр бистар андозам, он ҷо низ Ту ҳастӣ+.
9 Агар болҳои шафақи субҳро гирифта,
дар ақсои баҳр сокин шавам,
10 Дар он ҷо низ дасти Ту маро ҳидоят хоҳад намуд,
ва ямини Ту маро дастгирӣ хоҳад кард.
11 Ва агар гӯям: «Албатта торикӣ маро ниҳон хоҳад кард,
ва шаб барои ман паноҳгоҳ хоҳад шуд», —
12 Аммо торикӣ низ аз Ту пинҳон нахоҳад кард,
ва шаб мисли рӯз равшан хоҳад шуд:
хоҳ торикӣ бошад, хоҳ рӯшноӣ+.
13 Зеро ки Ту ботинамро ба вуҷуд овардаӣ,
маро дар батни модарам тарҳ афкандаӣ+.
14 Туро ҳамд хоҳам гуфт барои он ки
ба таври хеле аҷоиб офарида шудаам:
аъмоли Ту аҷоиб аст, ва ҷонам инро нағз медонад.
15 Устухонхоям аз Ту пӯшида набуд,
вақте ки дар ниҳон сохта мешудам,
дар таҳтуссаро ба вуҷуд меомадам+.

16 Ҷанинамро чашмони Ту дидааст,
ва дар дафтари Ту ҳамаи узвҳоям навишта шудааст,
ва рӯзҳои пайдо шудани онҳо,
дар сурате ки ҳеҷ яке аз онҳо ҳанӯз вуҷуд надошт+.
17 Чӣ гуна гаронбаҳост барои ман
андешаҳои Ту, эй Худо,
чӣ гуна бузург аст миқдори онҳо!+
18 Агар онҳоро дар шумор оварам,
аз рег зиёдтар аст;
вақте ки бедор мешавам, ҳанӯз бо Ту ҳастам.
19 Кошки, эй Худо, шарирро ба қатл бирасонӣ!
Эй хунхӯрон, аз ман дур шавед!+
20 Онҳо дар бораи Ту бо найранг сухан меронанд;
адуёнат исми Туро бар абас ба забон мегиранд.
21 Чӣ гуна нафрат накунам аз онҳое ки аз Ту,
эй Худованд, нафрат доранд?
Ва чӣ гуна мутанаффир нашавам аз онҳое
ки бар Ту қиём мекунанд+?
22 Бо нафрати том аз онҳо нафрат мекунам;
онҳо душманони мананд.
23 Маро, эй Худо, тафтиш намо
ва диламро бишнос;
маро бисанҷ ва андешаҳоямро бидон,+
24 Ва бубин, ки оё роҳам каҷ аст?
Ва маро ба роҳи некӯ андоз.

## ТАРОНАИ САДУ СИЮ НӮҲУМ

### Дуо дар бораи мадад расондан бар зидди душманоне ки ҳуҷум мекунанд.

1 Барои сардори муғанниён. Таронаи Довуд.
2 Маро, эй Худованд, аз одами бад бираҳон;
аз шахси золим маро муҳофизат намо,+
3 Ки онҳо дар дил қасдҳои бад доранд,
ҳар рӯз ҷангу ҷидол ба миён меоваранд.
4 Забони худро ба сони мор тез мекунанд:
заҳри афъӣ зери лабҳои онҳост. Село+.
5 Маро, эй Худованд, аз дасти шарир
нигоҳ дор, аз золим маро муҳофизат намо,
ки онҳо қасд доранд пойҳои маро лағжонанд+.
6 Мағрурон барои ман қапқон ва камандҳо
пинҳон кардаанд,
дар сари роҳ дом ниҳодаанд, тузоқҳо
барои ман шинондаанд. Село+.
7 Ба Худованд гуфтам: «Ту Худои ман ҳастӣ!
Ба овози зориҳоям, эй Худованд, гӯш андоз!
8 Худовандо! Худовандо! Эй қуввати наҷотам!
Дар рӯзи ҳарбу зарб сари маро пӯшидаӣ.
9 Орзуҳои шарирро, эй Худованд, ба иҷро нарасон;
қасди бадашро ба амал набарор,
то ки ҳавобаланд нашавад». Село.
10 Бигзор сари онҳоеро, ки гирди маро гирифтаанд,
хабосати лабҳои худашон бипӯшад.
11 Бигзор бар онҳо ахгарҳо фурӯ резад;
бигзор онҳо дар оташ фурӯ ғалтанд,
ва дар чарҳо, то ки бархоста натавонанд+.
12 Шахси бадзабон дар замин қоим нахоҳад шуд;
золимро бадӣ ба дом дароварда, шикаст хоҳад дод.
13 Медонам, ки Худованд ба мазлумон додгарӣ
ва ба мискинон инсоф хоҳад кард+.
14 Ба яқин одилон исми Туро ҳамд хоҳанд гуфт;

росткорон ба ҳузури Ту сокин хоҳанд шуд.

## ТАРОНАИ САДУ ЧИЛУМ

## Дуо дар бораи мадад расондан бар зидди шарирон.

1 Таронаи Довуд.
Худовандо! Туро мехонам, сӯи ман шитоб намо;
ба овозам гӯш андоз, вақте ки Туро мехонам.
2 Бигзор дуоям ба ҳузури Ту мисли бухур мақбул афтад,
ва боло кардани кафҳоям мисли ҳадияи шом+.
3 Бар даҳонам, эй Худованд, посбоне бимон,
ва дари лабҳоямро нигаҳбонӣ намо+.
4 Диламро ба чизи бад моил нагардон,
то ки дар роҳи шарорат бо шахсони бадкирдор амал накунам,
ва аз нозу неъмати онҳо начашам.
5 Одил маро бизанад — эҳсон аст;
ва маро мазаммат намояд — равған аст барои сарам,
ва сарам ба он монеъ нахоҳад шуд;
зеро ки ҳанӯз дуоям бар зидди кирдорҳои бади онҳост+.
6 Доварони онҳо аз болои сахра партофта хоҳанд шуд,
ва он гоҳ суханони маро хоҳанд шунид, зеро ки хуш аст+.
7 Мисли он ки замин аз шудгор пора-пора мешавад,
устухонҳои мо дар даҳони гӯристон пароканда хоҳад шуд+.
8 Аммо чашмонам сӯи Туст, эй Худованд, Худованд!
Ба Ту паноҳ мебарам, ҷонамро нобуд накун+.
9 Маро аз доме ки барои ман ниҳодаанд,
нигоҳдорӣ намо; ва аз тузоқҳои бадкирдорон+.
10 Шарирон дар домҳои худ хоҳанд афтод,
дар сурате ки ман сиҳат саломат хоҳам гузашт+.

# ТАРОНАИ САДУ ЧИЛУ ЯКУМ

## Дуо дар бораи мадад расондан дар вақти душвориҳо.

Суруди таълимии Довуд; дуои ӯ, вақте ки дар мағора буд.

1 Бо овози худ сӯи Худованд фарьёд мекашам,
бо овози худ сӯи Худованд зорӣ мекунам+.
2 Андӯҳамро пеши Ӯ изҳор менамоям;
тангиамро пеши Ӯ баён мекунам+.
3 Вақте ки рӯҳам дар ман аз ҳол мерафт,
Ту тариқи маро медонистӣ; дар роҳе ки меравам,
доме барои ман пинҳон кардаанд+.
4 Ба тарафи рост назар андоз ва бубин,
ки каси ба ман шиносе нест;
гурезгоҳе бароям боқӣ намондааст:
касе нест, ки ғами ҷонамро бихӯрад.
5 Сӯи Ту, эй Худованд, фарьёд кашидам
ва гуфтам: «Ту паноҳгоҳи ман ҳастӣ,
ва насибаи ман дар замини зиндаҳо+.
6 Ба тазарруам диққат намо,
зеро ки бисьёр бемаҷол шудаам;
маро аз таъқибкунандагонам халосӣ деҳ,
зеро ки аз ман пурзӯртаранд+.
7 Ҷонамро аз зиндон берун ор,
то ки исми Туро ҳамд гӯям;
одилон дар ман ифтихор хоҳанд кард,
вақте ки Ту ба ман таваҷҷӯҳ намоӣ»+.

## ТАРОНАИ САДУ ЧИЛУ ДУЮМ

## Дуо дар бораи ҳимоят кардан аз душманон.

[1] Таронаи Довуд.
Худовандо! Дуои маро бишнав, ба зориҳоям гӯш андоз;
дар садоқати Худ маро аз рӯи адолати Худ иҷобат намо.
[2] Ва бо бандаи Худ ба мурофиа набиё,
зеро ҳеҷ як зиндае нест, ки пеши Ту
сафед шуда тавонад+.
[3] Зеро ки душман ҷонамро таъқиб менамояд,
ҳаётамро ба замин яксон кардааст,
маро дар зулмот сокин гардондааст,
мисли онҳое ки аз қадим мурдаанд+.
[4] Ва рӯҳам дар ман беҳол шудааст;
дилам андаруни ман дар ҳайрат афтодааст.
[5] Айёми қадимро ба ёд меоварам;
ҳамаи корномаҳои Туро аз хаёл мегузаронам;
дар бораи амали дастҳои Ту фикру хаёл мекунам+.
[6] Дастҳоямро сӯи Ту дароз мекунам;
ҷонам мисли замини беоб ташнаи Туст. Село+.
[7] Ба зудӣ маро иҷобат намо, эй Худованд!
Рӯҳам хаста шудааст; рӯи Худро аз ман пинҳон надор,
ки мабодо мисли фурӯравандагони гӯр гардам+.
[8] Саҳаргоҳон эҳсони Худро ба ман бишнавон,
зеро ки ба Ту таваккал кардаам;
тариқеро, ки бо он биравам, ба ман маълум намо,
зеро ки ҷонамро сӯи Ту нигаронидаам+.
[9] Маро аз душманонам халосӣ деҳ, эй Худованд!
Ба Ту паноҳ мебарам.
[10] Маро таълим деҳ, то ки иродаи Туро ба ҷо оварам,
зеро ки Худои ман Ту ҳастӣ;
бигзор рӯҳи неки Ту маро ба замини ҳамвор ҳидоят намояд+.
[11] Ба хотири исми Худ, эй Худованд, маро зинда гардон;
аз рӯи адолати Худ ҷонамро аз тангӣ берун ор+.
[12] Ва аз рӯи эҳсони Худ душманонамро нест кун,

ва ҳамаи хасмҳои ҷонамро нобуд кун,
зеро ки ман бандаи Ту ҳастам+.

## ТАРОНАИ САДУ ЧИЛУ СЕЮМ

### Дуо дар бораи баракат додан ба қавми баргузида.

1 Таронаи Довуд.
Муборак аст Худованд, ки кӯҳпораи ман аст;
Ӯ дастҳоямро ҳарбу зарб, ва ангуштонамро
ҷанг меомӯзад+.
2 Ӯ эҳсони ман аст ва қалъаи ман, паноҳгоҳи ман аст
ва раҳокунандаи ман, сипари ман аст,
ва ба Ӯ паноҳ мебарам;
қавми маро зердасти ман мегардонад+.
3 Худовандо! Чист одам, ки ӯро бишносӣ?
Ва фарзанди инсон, ки ӯро ба назари эътибор гирӣ+?
4 Одамизод мисли як нафас аст:
рӯзҳои вай мисли сояи даргузар аст+.
5 Худовандо! Осмони Худро хамонида, нузул намо;
ба кӯҳҳо даст бирасон, то ки дуд кунанд+.
6 Барқҳоро барқ занонда, онҳоро пароканда соз;
тирҳои Худро фиристода, онҳоро ҳаросон намо+.
7 Дасти Худро аз афроз бифрист;
маро бираҳон ва маро аз обҳои бисьёр халосӣ деҳ,
яъне аз дасти мардуми аҷнабӣ,+
8 Ки даҳонашон суханони ботил мегӯяд,
ва яминашон ямини бардурӯғ аст+.
9 Худоё! Дар шаъни Ту суруди наве мехонам,
бо уди даҳтор Туро месароям,+
10 Ки подшоҳонро Ту наҷот мебахшӣ,
ва бандаи Худ Довудро аз шамшери қотил раҳо мекунӣ+.
11 Маро бираҳон ва маро аз дасти мардуми аҷнабӣ халосӣ деҳ,
ки даҳонашон суханони ботил мегӯяд,
ва яминашон ямини бардурӯғ аст;
12 То ки писарони мо дар ҷавонии худ мисли ниҳолҳо нашъунамо ёбанд;
духтарони мо мисли сутунгӯшаҳои кандакории кӯшкҳо зебо бошанд;+

13 Анборҳои мо пуропур шуда, аз ҳар навъ
нозу неъмат таъмин намоянд;
рамаҳои мо ҳазорҳо карат афзуда,
бевар-бевар дар чарогоҳҳои мо чарида гарданд;
14 Барзаговҳои мо зери бор монанд;
на мусибате ба амал ояд, на хуруҷе,
на фиғоне дар кӯчаҳои мо+.
15 Хушо қавме ки аҳволаш чунин аст!
Хушо қавме ки Худованд Худои ӯст!+

## ТАРОНАИ САДУ ЧИЛУ ЧОРУМ

## Ҳамд дар шаъни марҳамат ва адолати Худо.

1 Ҳамду санои Довуд.
Туро, эй Худои ман, ки Подшоҳ ҳастӣ,
болобардор хоҳам кард,
ва исми Туро муборак хоҳам хонд то абад.
2 Ҳар рӯз Туро муборак хоҳам хонд,
ва исми Туро мадҳ хоҳам кард то абад.
3 Худованд бузург аст ва бениҳоят мамдӯҳ;
ва бузургии Ӯ беҳадду беканор аст+.
4 Аъмоли Туро насл бо насл ситоиш хоҳад намуд,
ва қудрати Туро ривоят хоҳад кард.
5 Дар бораи шукӯҳу шавкати ҷалоли Ту
ва корномаҳои аҷоиби Ту фикру хаёл хоҳам кард.
6 Ва дар бораи қуввати корҳои саҳмгини Ту
сухан хоҳанд ронд;
ва бузургии Туро нақл хоҳам кард+.
7 Зикри меҳрубониҳои бисьёри Туро
ифода хоҳанд намуд,
ва адолати Туро тараннум хоҳанд кард.
8 Худованд бахшанда ва раҳим аст, собир ва серэҳсон+.
9 Худованд барои ҳама некӯст,
ва марҳаматҳои Ӯ бар тамоми аъмоли Ӯст.
10 Туро, эй Худованд, тамоми аъмолат ҳамд мегӯяд,
ва порсоёнат Туро муборак мехонанд;
11 Аз ҷалоли малакути Ту сухан меронанд,
ва қудрати Туро тавсиф менамоянд;
12 То ки қудрати Ӯро ба банӣ-одам маълум кунанд,
ва ҷалоли шавкати малакути Ӯро.
13 Малакути Ту малакути ҳамаи замонҳост,
ва ҳукмфармоии Ту дар ҳамаи наслҳост+.
14 Худованд ҳамаи афтодагонро дастгирӣ мекунад,
ва ҳамаи хамидақоматонро рост мегардонад+.
15 Чашмони ҳама сӯи Ту интизор дорад,

ва Ту ризқи онҳоро дар вақташ мерасонӣ+.
16 Дасти Худро мекушоӣ,
ва ҳамаи зиндаҳоро ба дилхоҳашон сер мекунӣ+.
17 Худованд дар ҳамаи тариқҳои Худ одил аст.
ва дар тамоми аъмоли Худ пур аз эҳсон аст.
18 Худованд наздик аст ба ҳамаи онҳое ки Ӯро мехонанд,
ба ҳамаи онҳое ки Ӯро ба ростӣ мехонанд+.
19 Хоҳиши тарсгорони Худро ба ҷо меоварад,
ва истиғосаи онҳоро мешунавад,
ва онҳоро наҷот медиҳад+.
20 Худованд ҳамаи дӯстдорони Худро нигаҳбонӣ мекунад,
ва ҳамаи шариронро нест хоҳад кард.
21 Даҳонам ҳамду санои Худовандро мегӯяд,
ва тамоми башар исми қуддуси Ӯро
муборак мехонад то абад.

## ТАРОНАИ САДУ ЧИЛУ ПАНҶУМ

## Худованд умедворони Худро нигаҳбонӣ менамояд.

1 Ҳалелуёҳ. Эй ҷонам, Худовандро мадҳ намо+.
2 Тамоми умри худ Худовандро мадҳ хоҳам кард;
то даме ки вуҷуд дорам, Худои худро хоҳам сароид+.
3 Ба мирон таваккал накунед,
ба фарзанди одам, ки дар вай наҷоте нест:+
4 Рӯҳи вай берун меравад,
вай ба хоки худ бармегардад;
дар ҳамон рӯз андешаҳои вай нест мешавад+.
5 Хушо касе ки Худои Яъқуб мададгори ӯст,
ва умеди ӯ бар Худованд Худои ӯст,
6 Ки Ӯ осмон ва заминро офаридааст,
ва баҳр ва ҳар чиро, ки дар онҳост;
Ӯ ростиро то абад нигаҳбонӣ мекунад;
7 Ба ситамкашон додгарӣ мекунад,
ба гуруснагон нон медиҳад;
Худованд бандиёнро озод мекунад+.
8 Худованд чашми кӯронро мекушояд;
Худованд хамидақоматонро рост мегардонад;
Худованд одилонро дӯст медорад+.
9 Худованд ғарибонро нигаҳбонӣ менамояд,
ятимон ва бевазанонро тақвият медиҳад,
ва роҳи шариронро каҷ мекунад+.
10 Худованд подшоҳӣ хоҳад кард то абад,
Худои ту, эй Сион, то абадуддаҳр. Ҳалелуёҳ!+

## ТАРОНАИ САДУ ЧИЛУ ШАШУМ

## Мадҳ дар шаъни Худованди Қодир.

1 Ҳалелуёҳ. Зеро ки некӯст Худои моро сароидан;
зеро ки ин дилпазир аст: ҳамду санои шоиста аст+.
2 Худованд Ерусалимро бино мекунад,
парокандагони Исроилро ҷамъ меоварад;+
3 Дилшикастагонро шифо мебахшад,
ва ҷароҳатҳои онҳоро мебандад;+
4 Миқдори ситораҳоро ба ҳисоб мегирад:
ҳамаи онҳоро бо номҳошон мехонад+.
5 Худованди мо бузург аст ва пурқувват;
хиради Ӯ беҳадду беканор аст+.
6 Ҳалимонро Худованд тақвият медиҳад;
шариронро то ба замин паст мезанад.
7 Дар шаъни Худованд бо шукрона суруд хонед;
Худои моро бо барбат бисароед,+
8 Ки Ӯ осмонро бо абрҳо мепӯшонад,
барои замин борон муҳайё мекунад,
бар кӯҳҳо алаф месабзонад+.
9 Ба чорпо хӯрок медиҳад,
ва ба бачаҳои зоғ, ки сӯи Ӯ мехонанд+.
10 На ба иқтидори асп рағбат дорад,
на ба соқҳои одам таваҷҷӯҳ мекунад:+
11 Худованд ба тарсгорони Худ таваҷҷӯҳ менамояд,
ва ба онҳое ки ба эҳсони Ӯ умедворанд+.

## ТАРОНАИ САДУ ЧИЛУ ҲАФТУМ

## Ҳамд дар шаъни Худо,

## ки Довари Исроил аст.

1 Худовандро, эй Ерусалим, ситоиш бикун;
Худои худро, эй Сион, мадҳ намо;
2 Зеро ки Ӯ ғалақаҳои дарвозаҳоятро мустаҳкам мекунад;
фарзандонатро андаруни ту баракат мефармояд+.
3 Дар ҳудуди ту сулҳу осоиштагӣ барқарор менамояд;
туро аз мағзи гандум сер мегардонад+.
4 Сухани Худро ба замин мефиристад:
сухани Ӯ бағоят зуд паҳн мешавад.
5 Барфро мисли пашм меборонад;
қиравро мисли хокистар мепошад+.
6 Жолаи Худро мисли нонҳои майда мепартояд;
кист, ки пеши сармои Ӯ истода тавонад?
7 Каломи Худро мефиристад ва онҳоро об мекунад;
боди Худро мевазонад, ва обҳо ҷорӣ мешавад.
8 Каломи Худро ба Яъқуб баён намудааст,
фароизи Худ ва дастурҳои Худро ба Исроил.
9 Ба ҳеҷ як халқ чунин накардааст,
ва дастурҳоро онҳо намедонанд. Ҳалелуёҳ!+

## ТАРОНАИ САДУ ЧИЛУ ҲАШТУМ

## Тамоми ҷаҳон Худовандро ҷалол медиҳад.

1 Ҳалелуёҳ. Худовандро аз осмонҳо
мадҳ кунед;
Ӯро дар афрозҳо мадҳ кунед+.
2 Ӯро мадҳ кунед, эй ҳамаи фариштагони Ӯ;
Ӯро мадҳ кунед, эй ҳамаи лашкарҳои Ӯ+.
3 Ӯро мадҳ кунед, эй офтоб ва моҳ;
Ӯро мадҳ кунед, эй ҳамаи ситорагони нур.
4 Ӯро мадҳ кунед, эй фалакулафлок,
ва эй обҳои фавқи осмонҳо+.
5 Исми Худовандро мадҳ мекунанд,
зеро ки Ӯ амр фармудааст,
ва онҳо офарида шудаанд+.
6 Ва онҳоро қоим доштааст то абад;
ва қонуне муқаррар намудааст,
ва аз он нахоҳанд даргузашт+.
7 Худовандро аз замин мадҳ кунед,
эй наҳангон ва ҳамаи вартаҳо;+
8 Эй оташ ва жола, эй барф ва дуд,
эй боди тунд, ки каломи Ӯро ба ҷо меоварӣ;+
9 Эй кӯҳҳо ва ҳамаи талҳо,
эй дарахтони мевадор ва ҳамаи арзҳо;
10 Эй ҳайвонҳо ва ҳамаи чорпоён,
эй хазандагон ва мурғони болдор;
11 Эй подшоҳони замин ва ҳамаи қабилаҳо,
эй мирон ва ҳамаи доварони замин;
12 Эй ҷавонон ва бокираҳо низ,
эй пирон ва наврасон.
13 Исми Худовандро мадҳ мекунанд,
зеро ки танҳо исми Ӯ олишаън аст,
шукӯҳи Ӯ бар замин ва осмон аст+.
14 Ва Ӯ шохи қавми Худро баланд бардоштааст,
то ки ҳамду саное шавад дар шаъни ҳамаи порсоёни Ӯ,

дар шаъни банӣ-Исроил,
ки қавми муқарраби Ӯ ҳастанд. Ҳалелуёҳ.

# ТАРОНАИ САДУ ЧИЛУ НӮҲУМ

## Ҳамаи порсоён Худовандро ҷалол медиҳанд.

1 Ҳалелуёҳ.
Дар шаъни Худованд суруди наве бихонед;
ва ҳамду санои Ӯро дар шӯрои порсоён+.
2 Бигзор Исроил дар Офаридагори худ шодӣ кунад;
фарзандони Сион дар Подшоҳи худ хурсандӣ кунанд;
3 Исми Ӯро дар рақс мадҳ намоянд;
бо даф ва барбат Ӯро бисароянд,
4 Зеро ки Худованд ба қавми Худ таваҷҷӯҳ мекунад,
ҳалимонро бо наҷот шукӯҳ мебахшад.
5 Бигзор порсоён дар ҷалол хушнӯд шаванд,
бар бистарҳошон тараннум кунанд;+
6 Мадҳияҳои Худо дар даҳонашон бошад,
ва шамшери дудама дар дасташон,
7 То ки аз халқҳо интиқом гиранд,
қабилаҳоро мазаммат намоянд:
8 Подшоҳони онҳоро бо занҷирҳо бандӣ кунанд,
ва калоншавандаҳои онҳоро бо завлонаҳои оҳанин;
9 Бар онҳо довариро, ки навишта шудааст,
ба амал оваранд;
ин барои ҳамаи порсоёни Ӯ шавкат хоҳад буд. Ҳалелуёҳ!+

## ТАРОНАИ САДУ ПАНҶОҲУМ

### Тамоми махлуқот Худовандро мадҳ менамоянд.

1 Ҳалелуёҳ. Худовандро дар қудси Ӯ мадҳ кунед;
Ӯро дар фалаки қуввати Ӯ мадҳ кунед+.
2 Ӯро дар қудрати Ӯ мадҳ кунед;
Ӯро мувофиқи бузургии азамати Ӯ мадҳ кунед.
3 Ӯро бо навохтани шох мадҳ кунед;
Ӯро бо уд ва барбат мадҳ кунед+.
4 Ӯро бо даф ва рақс мадҳ кунед;
Ӯро бо созҳо ва най мадҳ кунед+.
5 Ӯро бо шақшақаҳои хушнаво мадҳ кунед;
Ӯро бо шақшақаҳои баландовоз мадҳ кунед+.
6 Бигзор ҳар кӣ нафас мекашад,
Худовандро мадҳ кунад.
Ҳалелуёҳ!

* 3:3 **Село** — тафсири саҳеҳи ин калима маълум нест, лекин гумон мекунанд, ки он дар таронаҳои Забур истилоҳи мусиқиест, ки хотима ё тағьири оҳангро мефаҳмонад.

* 9:17 **Ҳиҷҷойӯн** — аз афташ, истилоҳи мусиқиест, ки замзамаро мефаҳмонад.

* 67:14 Киноя аст бар қавми Исроил.

* 86:2 Ерусалим.

* 86:4 Киноя бар Миср аст.

* 103:35 **Ҳалелуёҳ** — Худовандро мадҳ кунед.

* 105:28 **Баал-Фаӯр** — номи яке аз худоҳои Канъон, ки мардуми мавзеи Фаӯр парастишаш мекарданд.

---

\+ 1:1 Айюб 21:16, Мас. 1:15, Мас. 4:14, Мас. 24:1, Заб. 25:4-5, Мас. 3:34, Мас. 21:24

\+ 1:2 Еҳ. 1:8, Заб. 118:47-48, Заб. 118:97

\+ 1:3 Ирм. 17:8, Ҳиз. 47:12

\+ 1:4 Айюб 21:18, Заб. 34:5

\+ 1:6 Заб. 36:18

+ 2:1 Аъм. 4:25-26

+ 2:2 Заб. 17:51, Заб. 19:7, Заб. 88:20-21

+ 2:4 Заб. 10:4, Заб. 36:13, Заб. 58:9, Мас. 1:26

+ 2:6 Заб. 109:2, Ваҳй 14:1

+ 2:7 Аъм. 13:33, Ибр. 1:5, Ибр. 5:5, 2 Подш. 7:14

+ 2:9 Ваҳй 2:27, Ваҳй 12:5, Ваҳй 19:15, Иш. 30:14, Ирм. 19:11

+ 2:11 Ибр. 12:28, Фпл. 4:4

+ 2:12 Заб. 33:8

+ 3:1 2 Подш. 15:14-17

+ 3:2 2 Подш. 15:12

+ 3:3 Заб. 70:11

+ 3:4 Ҳас. 15:1, Заб. 26:6

+ 3:5 Заб. 2:6, Заб. 33:4

+ 3:6 Заб. 4:8

+ 3:7 Заб. 26:3

+ 3:8 Айюб 16:10, Айюб 29:17, Заб. 57:7

+ 3:9 Заб. 36:39, Иш. 43:11, Юн. 2:10

+ 4:1 Ҳаб. 3:19

+ 4:2 Айюб 36:16

+ 4:4 Хур. 11:7

+ 4:6 Так. Шар. 33:19, Заб. 50:21

+ 4:7 Ад. 6:25, Заб. 30:17, Заб. 43:4, Заб. 66:2

+ 4:9 Заб. 3:6

+ 5:3 Заб. 83:4

+ 5:4 Заб. 87:10, Заб. 118:147

+ 5:6 Заб. 10:5

+ 5:7 Заб. 54:24

+ 5:8 3 Подш. 8:29, Заб. 10:4

+ 5:10 Ирм. 5:16, Заб. 11:2, Рум. 3:13

+ 5:13 Заб. 113:21-22, Заб. 102:4

+ 6:1 1 Вақ. 15:20-21

+ 6:2 Заб. 37:2

+ 6:4 Заб. 89:13

+ 6:6 Заб. 29:10, Заб. 87:11, Заб. 113:25, Воиз 9:10, Иш. 38:18

+ 6:8 Заб. 30:10

+ 6:9 Айюб 21:16, Заб. 118:115, Мат. 7:23

+ 6:11 Заб. 39:13

+ 7:2 Заб. 10:1, Заб. 63:11, Заб. 30:16

+ 7:3 Айюб 10:16

+ 7:5 Заб. 54:21, 1 Подш. 24:8, 1 Подш. 26:9

+ 7:8 Иш. 33:10

+ 7:9 Заб. 25:1, Заб. 34:24, Заб. 42:1

+ 7:10 Айюб 23:10, Заб. 10:5

+ 7:11 Ҳас. 15:1

+ 7:12 Наҳум 1:5

+ 7:13 Так. Шар. 32:41, Так. Шар. 32:23

+ 7:14 Заб. 20:13, Заб. 63:8

+ 7:15 Айюб 15:35, Иш. 59:4, Яъқ. 1:15

+ 7:16 Эст. 7:9, Мас. 11:5, Мас. 26:27, Мас. 28:10, Воиз 10:8, Дон. 6:24

+ 7:18 Заб. 9:3

+ 8:1 Заб. 80:1, Заб. 83:1

+ 8:2 Заб. 148:13, Иш. 12:4, Заб. 112:4, Мат. 21:16

+ 8:5 Айюб 7:17, Заб. 143:3, Ибр. 2:6-8

+ 8:7 Ҳас. 1:26, Ҳас. 1:28, Заб. 109:1, 1 Қўр. 15:27, Эфс. 1:22

+ 9:2 Заб. 25:7, Заб. 39:6, Заб. 95:3

+ 9:3 Заб. 7:18

+ 9:5 Заб. 139:13, Заб. 28:10

+ 9:6 Так. Шар. 9:14, Так. Шар. 29:20

+ 9:8 Заб. 101:13, Заб. 144:13, Нав. 5:19

+ 9:9 1 Подш. 2:10, Заб. 57:12, Заб. 66:5, Заб. 95:13, Заб. 97:9, Заб. 109:6, Иш. 2:4, Иш. 3:13, Юил 3:12

+ 9:10 2 Подш. 22:3

+ 9:11 Заб. 90:14

+ 9:14 Заб. 106:18

+ 9:15 Иш. 25:9

+ 9:16 Заб. 7:16, Айюб 18:8, Мас. 29:5, Мас. 29:6

+ 9:17 Хур. 7:5, Хур. 14:4

+ 9:18 Айюб 8:13

+ 9:22 Заб. 21:1

+ 9:25 Заб. 13:1, Заб. 52:1

+ 9:27 Заб. 29:7

+ 9:28 Рум. 3:14, Айюб 20:12

+ 9:29 Заб. 16:11, Заб. 36:32, Мас. 24:15

+ 9:30 Айюб 38:40, Заб. 58:4, Мик. 7:2

+ 9:32 Иш. 29:15, Ҳиз. 8:12, Ҳиз. 9:9

+ 9:35 Так. Шар. 10:18, Ҳуш. 14:4

+ 9:36 Заб. 36:17

+ 9:37 Хур. 15:18, Заб. 28:10, Заб. 145:10

+ 9:39 Заб. 81:3

+ 10:1 Заб. 7:2

+ 10:2 Заб. 63:4

+ 10:3 Заб. 81:5

+ 10:4 Мик. 1:2, Юн. 2:8, Ҳаб. 2:20, Заб. 2:4, Иш. 66:1, Айюб 7:18, Айюб 23:10

+ 10:5 Ҳас. 22:1

+ 10:6 Ҳас. 19:24, Айюб 18:15, Заб. 74:9

+ 10:7 Заб. 32:5, Заб. 61:8, Заб. 98:4

+ 11:2 Иш. 57:1, Мик. 7:2

+ 11:3 Заб. 5:10, Заб. 40:6, Заб. 143:8

+ 11:7 Заб. 17:31, Заб. 118:140, Мас. 30:5

+ 12:2 Заб. 88:47, Нав. 5:20, Айюб 13:24, Ҳаб. 1:2

+ 12:4 Эзр. 9:8, Заб. 18:9

+ 12:5 Так. Шар. 32:27

+ 12:6 Заб. 114:7

● 13:1 *Заб. 52*

+ 13:1 Заб. 9:25, Мик. 7:2, Рум. 3:10-12

+ 13:2 Ҳас. 11:5, Так. Шар. 26:15, Заб. 32:14, Заб. 101:19

+ 13:3 Айюб 15:16

+ 13:4 Мас. 30:14, Ирм. 10:25, Ҳиз. 34:3, Мик. 3:3

+ 14:1 Заб. 23:3-4, Иш. 33:14-16

+ 14:2 Заб. 105:3

+ 14:3 Иб. 19:16

+ 14:4 Дов. 11:35

+ 14:5 Иб. 25:36, Ҳиз. 18:8, Хур. 23:5

+ 15:2 Заб. 72:25

+ 15:4 Хур. 23:13, Еҳ. 23:7, Ҳуш. 2:17, Зак. 13:2

+ 15:5 Ад. 18:20, Ирм. 10:16, Ирм. 51:19, Нав. 3:24

+ 15:8 Заб. 108:31, Аъм. 2:25-28

+ 15:10 Айюб 33:28, Заб. 29:4, Заб. 48:16, Заб. 85:13, Иш. 38:17, Аъм. 2:27

+ 15:11 Мат. 7:14

+ 16:1 Заб. 85:1, Заб. 141:1

+ 16:3 Айюб 23:10, Заб. 65:10

+ 16:5 Айюб 23:11

+ 16:7 Заб. 30:22

+ 16:8 Так. Шар. 32:10, Зак. 2:8, Рут 2:12, Заб. 35:8, Заб. 56:2, Заб. 62:8, Заб. 90:4

+ 16:10 Заб. 118:70

+ 16:12 Айюб 38:40, Заб. 9:29

+ 16:15 Айюб 19:26, Айюб 33:26

● 17:1 *2 Подш. 22*

+ 17:2 Так. Шар. 6:5, Заб. 114:1

+ 17:3 Заб. 18:15, Заб. 30:3-4, Заб. 70:3, Заб. 90:2, Заб. 143:2, Ҳас. 15:1

+ 17:4 1 Вақ. 16:25, Заб. 47:2, Заб. 95:4, Заб. 144:3

+ 17:5 Заб. 41:7, Заб. 92:4, Юн. 2:4

+ 17:6 Заб. 114:3

+ 17:7 Юн. 2:8

+ 17:8 Дов. 5:5, Заб. 76:18, Заб. 96:4

+ 17:9 Заб. 20:9, Иш. 30:33, Ҳиз. 20:48

+ 17:10 Заб. 143:5, Иш. 64:1, Наҳум 1:3

+ 17:11 Заб. 103:3

+ 17:12 Хур. 20:21, Заб. 96:2

+ 17:13 Еҳ. 10:11, Иш. 30:30

+ 17:14 1 Подш. 2:10, Айюб 37:4-5, Заб. 67:34, Заб. 76:18-19

+ 17:15 Ҳаб. 3:11, Зак. 9:14, 1 Подш. 7:10

+ 17:16 Хур. 15:8, Заб. 105:9

+ 17:17 Заб. 143:7

+ 17:18 Заб. 141:6

+ 17:20 Заб. 30:8, Заб. 117:5

+ 17:21 1 Подш. 26:23, Айюб 22:30

+ 17:24 Ҳас. 6:9, Айюб 1:1

+ 17:28 Заб. 100:5

+ 17:29 2 Подш. 21:17, 4 Подш. 8:20, Заб. 131:17

+ 17:31 Так. Шар. 32:4, Мат. 5:48, Заб. 11:7, Мас. 30:5, Ҳас. 15:1

+ 17:32 4 Подш. 5:15, Иш. 45:5, Дон. 2:47

+ 17:34 Так. Шар. 32:13, Иш. 58:14, Ҳаб. 3:19

+ 17:35 Заб. 143:1

+ 17:38 Хур. 23:27

+ 17:41 Хур. 23:27

+ 17:42 Айюб 27:9, Мас. 15:29

+ 17:43 Мик. 7:10, Зак. 10:5

+ 17:44 Иш. 55:5

+ 17:45 Так. Шар. 33:29

+ 17:46 Мик. 7:17

+ 17:48 Заб. 46:3

+ 17:50 Рум. 15:9

+ 17:51 Заб. 143:10, 2 Подш. 7:16

+ 18:2 Заб. 49:6, Заб. 88:6, Заб. 96:6

+ 18:5 Рум. 10:18

+ 18:6 Юил 2:16, Воиз 1:5

+ 18:8 Так. Шар. 4:7, Заб. 22:3, Заб. 118:130

+ 18:9 Рум. 7:12, Заб. 12:4

+ 18:10 Заб. 118:142, Заб. 118:151, Заб. 118:160

+ 18:11 Мас. 3:14, Мас. 8:10, Мас. 24:13

+ 18:14 Ад. 15:30, Рум. 6:12, Рум. 6:14

+ 18:15 Заб. 17:3

+ 19:2 Заб. 68:30, Мас. 18:10

+ 19:3 Заб. 127:5, Заб. 133:3

+ 19:5 Заб. 20:3

+ 19:8 Заб. 32:17, Иш. 31:1, Иш. 36:9, 1 Подш. 17:45, Мас. 21:31

+ 20:2 Заб. 27:7

+ 20:3 Заб. 19:5

+ 20:5 4 Подш. 20:6, Заб. 60:6, Заб. 90:16

+ 20:8 Заб. 15:8

+ 20:10 Заб. 17:9, Мал. 4:1, Айюб 15:34, Айюб 20:26, Заб. 96:3, Ибр. 10:27

+ 20:11 Айюб 18:19

+ 20:13 Заб. 17:15

+ 21:2 Мат. 27:46, Марқ. 15:34, Заб. 9:22, Нав. 3:8

+ 21:3 Заб. 87:2

+ 21:6 Дов. 3:9

+ 21:7 Айюб 25:6, Иш. 41:14, Иш. 49:7, Иш. 53:3

+ 21:8 Заб. 90:14, Мат. 27:39-43, Марқ. 15:29-32, Луқ. 23:35-37

+ 21:10 Заб. 71:6

+ 21:12 Заб. 106:12

+ 21:13 Заб. 117:10-12, Ирм. 50:27, Ом. 4:1

+ 21:15 Заб. 118:28

+ 21:17 Заб. 58:7

+ 21:18 Луқ. 23:35

+ 21:19 Юҳ. 19:24

+ 21:21 Заб. 34:17, Фпл. 3:2

+ 21:22 2 Тим. 4:17

+ 21:23 Ибр. 2:12

+ 21:24 Заб. 134:20

+ 21:26 Заб. 34:18, Иб. 7:16

+ 21:28 Заб. 95:7, Саф. 2:11

+ 21:29 Дон. 7:14, Дон. 7:27, Уб. 1:21, Зак. 14:9, Луқ. 1:33, 1 Қўр. 15:24, Ваҳй 11:15

+ 21:31 Заб. 101:19

+ 21:32 Заб. 77:6, Заб. 101:19

+ 22:1 Заб. 79:2, Воиз 12:11, Иш. 40:11, Ҳиз. 34:11, Юҳ. 10:11, Фпл. 4:19

+ 22:2 Ҳиз. 34:14, Юҳ. 10:9

+ 22:3 Заб. 18:8, Мас. 4:11, Мас. 8:20

+ 22:4 Заб. 137:7, Мас. 10:9, Иш. 43:2, Мик. 7:14

+ 22:5 Заб. 91:11, Мас. 27:9, Воиз 9:8, Луқ. 7:46

+ 23:1 Хур. 9:29, Айюб 41:3, Заб. 49:12, Заб. 88:11

+ 23:2 1 Подш. 2:8, Заб. 101:26, Заб. 103:5, Мас. 8:29

+ 23:3 Заб. 14, Иш. 33:14-16

+ 23:4 Заб. 50:12, Мат. 5:8

+ 23:7 Заб. 117:19-20, Иш. 26:2

+ 23:8 Хур. 15:3

+ 23:10 Мал. 1:14

+ 24:1 Заб. 85:4, Заб. 142:8

+ 24:3 Иш. 49:23

+ 24:4 Заб. 26:11, Заб. 85:11

+ 24:5 Заб. 25:3

+ 24:6 Заб. 102:17

+ 24:7 Айюб 13:26, Заб. 118:9, Ирм. 3:25, Заб. 50:3

+ 24:11 Ирм. 14:7, Заб. 78:9, Дон. 9:19

+ 24:13 Заб. 36:22, Мас. 2:21, Иш. 60:21

+ 24:15 2 Вак. 20:12, Заб. 122:1-2, Заб. 140:8

+ 24:22 Заб. 43:27, Заб. 129:8

+ 25:1 Заб. 7:9

+ 25:2 1 Вак. 28:9, 1 Вак. 29:17, Заб. 138:23, Мас. 17:3, Ирм. 17:10

+ 25:3 Заб. 24:5

+ 25:5 Заб. 1:1, Заб. 138:21

+ 25:6 Так. Шар. 21:6, Заб. 72:13, Мат. 27:24

+ 25:7 Заб. 9:2

+ 25:9 Заб. 27:3

+ 25:10 Хур. 23:8

+ 26:1 Иш. 60:20, Мик. 7:8

+ 26:3 Заб. 3:7, Заб. 22:4

+ 26:4 Заб. 22:6, Заб. 60:5, Заб. 64:5

+ 26:6 Заб. 3:4, Эфс. 5:19

+ 26:8 Заб. 104:4

+ 26:10 Иш. 49:15

+ 26:11 Заб. 24:4

+ 26:12 Заб. 40:3, Хур. 20:16, Мас. 6:19

+ 26:13 Иш. 53:8, Ҳиз. 26:20, Ҳиз. 32:23

+ 26:14 Ех. 1:6, Заб. 30:25, Иш. 8:17

+ 27:1 Заб. 82:2, Заб. 108:1, Заб. 87:5, Заб. 142:7, Мас. 1:12

+ 27:2 Заб. 133:2

+ 27:3 Мас. 26:23, Ирм. 9:8, Заб. 25:9

+ 27:5 Иш. 5:12

+ 27:7 Ҳас. 15:1, Заб. 20:2

+ 27:9 Иш. 40:11, Иш. 46:3

+ 28:1 Ҳас. 6:2, Айюб 1:6, Айюб 2:1, Заб. 88:7, 1 Вақ. 16:28, Заб. 95:7

+ 28:3 Айюб 37:4, Ҳиз. 1:24

+ 28:5 Дов. 9:15, Заб. 103:16, Ҳиз. 31:3

+ 28:6 Так. Шар. 3:9, Заб. 113:4, Заб. 113:6

+ 28:8 Ад. 13:26

+ 28:10 Ҳас. 6:17, Хур. 15:18, Заб. 9:5, Заб. 9:37

+ 28:11 Заб. 67:36

+ 29:2 Заб. 34:19

+ 29:4 Айюб 33:28, Заб. 15:10, Заб. 48:16, Заб. 85:13, Иш. 38:17

+ 29:6 Иш. 57:16, Ирм. 3:5, Нав. 3:31, Мик. 7:18, Заб. 125:5

+ 29:7 Заб. 9:26

+ 29:10 Заб. 6:6, Иш. 38:18

+ 29:12 Ирм. 31:13

● 30:1 *Заб. 70:1-3*

+ 30:2 Дон. 9:16

+ 30:3 Заб. 17:3

+ 30:6 Лук. 23:46

+ 30:7 Так. Шар. 32:21

+ 30:9 Заб. 17:20

+ 30:10 Заб. 6:8

+ 30:12 Айюб 19:13, Заб. 30:12, Заб. 37:11, Заб. 68:9, Заб. 87:9

+ 30:13 Воиз 9:5

+ 30:14 Ирм. 6:25, Ирм. 46:5

+ 30:16 Заб. 7:2

+ 30:17 Ад. 6:25, Заб. 4:7

+ 30:22 Заб. 16:7

+ 30:24 Заб. 96:10

+ 30:25 Ех. 1:6, Заб. 26:14

+ 31:2 Юҳ. 1:47, Рум. 4:7-8

+ 31:5 Заб. 37:19, Заб. 50:5, 1 Юҳ. 1:9

+ 31:7 Заб. 118:114

+ 31:9 Мас. 26:3, Яъқ. 3:3

+ 31:11 Заб. 67:4

+ 32:2 Заб. 70:22

+ 32:3 Заб. 39:4, Заб. 95:1, Заб. 97:1, Заб. 143:9, Заб. 149:1, Иш. 42:10, Ваҳй 5:9

+ 32:5 Заб. 32:5, Заб. 61:8, Заб. 118:64

+ 32:6 Ҳас. 1:6-7, Заб. 148:5, Юҳ. 1:3, Ибр. 11:3

+ 32:7 Ҳас. 1:9, Айюб 38:8-11, Заб. 103:9, Ирм. 5:22

+ 32:9 Ҳас. 1:3

+ 32:10 Иш. 19:3

+ 32:11 Мас. 19:21, Иш. 46:10

+ 32:12 Так. Шар. 7:6, Заб. 143:15

+ 32:13 Айюб 7:18, Айюб 23:10, Заб. 10:4

+ 32:14 Так. Шар. 26:15, Иш. 63:15

+ 32:16 Ом. 2:14

+ 32:17 Заб. 19:8, Мас. 21:31

+ 32:18 Заб. 146:11

+ 32:19 3 Подш. 17:6, Айюб 5:20

+ 32:20 Ҳас. 15:1, Так. Шар. 33:29

+ 33:1 1 Подш. 21:12-13

+ 33:3 1 Подш. 2:1

+ 33:5 Заб. 3:5

+ 33:7 Заб. 17:1

+ 33:8 Айюб 33:23, Дон. 6:22

+ 33:9 1 Пет. 2:3, Заб. 2:12

+ 33:10 Заб. 36:25, Мас. 10:3

+ 33:11 Айюб 4:10-11

+ 33:13 1 Пет. 3:10-12

+ 33:14 Мас. 13:3

+ 33:15 Заб. 36:27, Иш. 1:16-17, 3 Юҳ. 1:11

+ 33:16 Айюб 36:7, Мас. 15:29

+ 33:17 Айюб 18:17, Мас. 10:7

+ 33:19 Заб. 50:19

+ 33:20 Айюб 5:19, 2 Тим. 3:11

+ 33:21 Юҳ. 19:36

+ 34:1 Иш. 49:25

+ 34:4 Заб. 39:15, Ирм. 17:18, Заб. 68:23-26, Заб. 108:6-15

+ 34:5 Айюб 21:18, Заб. 1:4

+ 34:6 Заб. 72:18, Ирм. 23:12

+ 34:7 Заб. 56:7, Заб. 118:85, Ирм. 18:20

+ 34:8 Иш. 47:11

+ 34:9 Луқ. 1:47

+ 34:10 Хур. 15:11, Заб. 70:19, Заб. 85:8, Заб. 88:7-9, Заб. 112:5, Айюб 5:15

+ 34:12 Заб. 37:20, Заб. 108:5, Мас. 17:13, Ирм. 18:20

+ 34:13 Ад. 29:7

+ 34:16 Айюб 16:9, Заб. 36:12

+ 34:17 Ҳаб. 1:13, Заб. 21:21

+ 34:18 Заб. 21:26

+ 34:19 Заб. 68:5, Юҳ. 15:25, Заб. 29:2

+ 34:21 Нав. 2:16

+ 34:22 Заб. 9:22, Заб. 37:22

+ 34:23 Заб. 43:24, Заб. 77:65

+ 34:24 Заб. 7:9

+ 34:25 Заб. 39:16, Заб. 69:4, Нав. 2:16

+ 34:28 Заб. 70:8

+ 35:2 Рум. 3:18

+ 35:5 Мас. 4:16, Мик. 2:1

+ 35:6 Заб. 56:11, Заб. 70:19, Заб. 107:5, Нав. 3:23

+ 35:7 Рум. 11:33, Заб. 103:14, Заб. 144:16

+ 35:8 Заб. 62:4, Заб. 16:8

+ 35:10 Мас. 10:11, Мас. 13:14, Ирм. 2:13, Юҳ. 4:10, Юҳ. 1:9, 1 Пет. 2:9, Ваҳй 22:5

+ 35:11 Ирм. 22:16, Ғал. 4:9

+ 35:13 Заб. 1:5

+ 36:1 Мас. 3:31, Мас. 23:17, Мас. 24:19

+ 36:2 Айюб 14:2, Заб. 89:6

+ 36:4 Айюб 22:26, Иш. 58:14

+ 36:5 Мас. 3:5, Мас. 16:3

+ 36:6 Дов. 5:31, Иш. 58:8

+ 36:9 Заб. 24:13

+ 36:10 Айюб 7:10, Айюб 24:24

+ 36:11 Мас. 2:21, Мат. 5:5

+ 36:12 Айюб 16:9, Заб. 34:16

+ 36:13 Заб. 2:4

+ 36:15 1 Подш. 2:4

+ 36:16 Мас. 16:8

+ 36:17 Заб. 9:36

+ 36:18 Заб. 1:6

+ 36:19 3 Подш. 17:6, Айюб 5:20, Заб. 32:19

+ 36:20 Заб. 67:3, Заб. 101:4, Ҳуш. 13:3

+ 36:23 Иш. 26:7

+ 36:24 Мас. 24:16, Мик. 7:8

+ 36:25 Айюб 4:7, Заб. 33:10-11, Мас. 10:3

+ 36:26 Так. Шар. 15:8, Заб. 111:5

+ 36:27 Заб. 33:15

+ 36:28 Заб. 96:10, Иш. 14:20

+ 36:30 Мас. 10:31, Мас. 15:28

+ 36:31 Так. Шар. 6:6, Заб. 39:9, Заб. 118:11, Иш. 51:7, Ирм. 31:33

+ 36:32 Заб. 9:29

+ 36:34 Заб. 90:8, Заб. 91:12, Мас. 29:16

+ 36:38 Заб. 72:17

+ 36:39 Заб. 3:9, Иш. 43:11, Юн. 2:10

+ 36:40 Заб. 10:1

+ 37:1 Заб. 69:1

+ 37:2 Заб. 6:2

+ 37:3 Так. Шар. 32:23, Айюб 6:4, Нав. 3:13

+ 37:4 Иш. 1:6

+ 37:5 Эзр. 9:6

+ 37:12 Айюб 19:13-14, Заб. 87:18

+ 37:14 Иш. 53:7

+ 37:16 Заб. 38:8

+ 37:19 Заб. 31:5

+ 37:21 Заб. 34:12, Мас. 17:13, Ирм. 18:20

+ 37:22 Заб. 9:22, Заб. 34:22

+ 38:1 1 Вақ. 16:41, 1 Вақ. 25:1, Заб. 61:1, Заб. 76:1

+ 38:2 Айюб 2:10

+ 38:4 Айюб 32:20, Ирм. 6:11, Ирм. 20:9

+ 38:5 Заб. 89:12

+ 38:6 Заб. 88:48, Заб. 90:5, Айюб 7:16, Заб. 61:10, Заб. 93:10-11, Заб. 143:4, Воиз 1:2

+ 38:7 Айюб 27:16-17, Заб. 48:11, Воиз 2:18

+ 38:8 Заб. 37:16

+ 38:11 Айюб 13:21

+ 38:13 4 Подш. 20:5, Заб. 55:9, 1 Вақ. 29:15, Заб. 118:19, Заб. 118:54

+ 38:14 Айюб 7:19, Айюб 10:21-22

+ 39:3 Заб. 68:3, Ирм. 38:6

+ 39:4 Заб. 32:3, Заб. 51:8

+ 39:6 Заб. 9:2, Заб. 70:16

+ 39:7 Заб. 50:18, 1 Подш. 15:22, Иш. 50:4, Ибр. 10:5-7

+ 39:9 Заб. 36:31, Заб. 118:11

+ 39:13 Заб. 68:4

+ 39:15 Заб. 34:4, Ирм. 17:18, Заб. 6:11

+ 39:16 Заб. 34:25

+ 39:18 Заб. 85:1, Заб. 108:22

+ 40:2 Мас. 14:21, Мас. 29:7, Заб. 36:18

+ 40:3 Заб. 26:12

+ 40:4 Иш. 38:1-8

+ 40:7 Заб. 11:3

+ 40:10 Юҳ. 13:18

+ 40:14 1 Вақ. 16:36, Заб. 71:18, Заб. 88:53, Заб. 105:48

+ 41:1 2 Вак. 20:19

+ 41:2 Заб. 62:1, Заб. 83:2

+ 41:4 Заб. 78:10, Заб. 113:10, Юил 2:17, Мик. 7:10, Заб. 79:6, Заб. 101:10, Нав. 2:18

+ 41:5 Ҳиз. 46:10

+ 41:6 Заб. 42:5

+ 41:7 Так. Шар. 3:9, Заб. 17:5, Заб. 87:8, Юн. 2:4

+ 41:9 Заб. 62:7, Аъм. 16:25

+ 41:10 Заб. 17:3, Заб. 42:2

+ 42:1 Заб. 7:9

+ 42:2 Заб. 43:10, Заб. 41:10

+ 42:3 Заб. 2:6

+ 42:5 Заб. 41:6

+ 43:2 Ад. 23:23, Так. Шар. 32:7, Заб. 77:3

+ 43:3 Так. Шар. 7:1

+ 43:4 Еҳ. 24:12, Ад. 6:25, Заб. 4:7

+ 43:5 Заб. 73:12

+ 43:7 1 Подш. 17:47, Заб. 32:16-17

+ 43:10 Заб. 42:2, Заб. 88:39

+ 43:11 Иб. 26:17, Так. Шар. 28:25, Еҳ. 7:4

+ 43:12 Иб. 26:33

+ 43:14 Заб. 78:4, Дон. 9:16, Мик. 6:16

+ 43:15 Так. Шар. 28:37

+ 43:20 Айюб 30:29

+ 43:22 1 Вақ. 28:9, 2 Вақ. 6:30, Мас. 15:11, Аъм. 1:24

+ 43:23 Рум. 8:36

+ 43:24 Заб. 34:23, Заб. 77:65

+ 43:27 Заб. 24:20

+ 44:1 Заб. 68:1

+ 44:4 Хур. 32:27, Сур. Сур. 3:8

+ 44:7 Ибр. 1:8-9

+ 44:9 Мас. 7:17

+ 44:10 Ҳас. 10:29, 3 Подш. 9:28, 1 Вақ. 29:4, Айюб 22:24

+ 44:15 Сур. Сур. 1:4

+ 45:1 1 Вақ. 15:20-21

+ 45:2 Заб. 7:2, Так. Шар. 4:7, Наҳум 1:7

+ 45:4 Заб. 92:3

+ 45:5 Заб. 64:10

+ 45:6 Иш. 12:6

+ 45:7 Заб. 2:1, Ом. 1:2, Ом. 9:5

+ 45:9 Заб. 65:5

+ 45:10 Иш. 2:4, Мик. 4:3, 1 Подш. 2:4, Заб. 75:4, Ҳиз. 39:3

+ 46:2 Заб. 94:1

+ 46:3 Так. Шар. 7:21, Заб. 65:3, Заб. 75:12, Мал. 1:14

+ 46:4 2 Подш. 22:48

+ 46:8 Дон. 7:14, Дон. 7:27, Уб. 1:21, Зак. 14:9, Луқ. 1:33, 1 Қӯр. 15:24, Ваҳй 11:15

+ 46:10 Заб. 88:19

+ 47:2 1 Вақ. 16:25, Заб. 17:4

+ 47:3 Нав. 2:15

+ 47:5 Ҳас. 14:1, 2 Подш. 10:6

+ 47:7 Иш. 13:8

+ 47:8 3 Подш. 22:48, Ҳиз. 27:26

+ 47:10 Заб. 25:3

+ 47:11 Заб. 112:3

+ 47:12 Заб. 96:8

+ 48:2 Мик. 1:2, Иш. 34:1

+ 48:5 Заб. 77:2

+ 48:7 Мас. 11:28

+ 48:8 Айюб 33:24, Айюб 36:18, Мат. 16:26, Марқ. 8:37

+ 48:10 Заб. 88:49

+ 48:11 Воиз 2:14-16, Воиз 3:19, Воиз 9:2, Заб. 38:7, Воиз 2:18

+ 48:13 Воиз 3:18

+ 48:16 Заб. 15:10, Заб. 29:4

+ 48:18 Айюб 27:19, 1 Тим. 6:7

+ 48:20 Айюб 33:30

+ 48:21 Воиз 3:19

+ 49:1 1 Вақ. 6:39, 1 Вақ. 15:17, 1 Вақ. 25:1, 2 Вақ. 5:12, Так. Шар. 10:17, Заб. 112:3

+ 49:2 Так. Шар. 33:2, Заб. 79:2, Заб. 93:1

+ 49:3 Хур. 19:16, Иб. 10:2, Ад. 16:35, 3 Подш. 19:11-12

+ 49:4 Так. Шар. 4:26, Так. Шар. 32:1, Иш. 1:2

+ 49:6 Заб. 18:2, Заб. 96:6, Заб. 57:12

+ 49:7 Заб. 80:9

+ 49:8 1 Подш. 15:22, Заб. 39:7

+ 49:10 Иш. 40:16

+ 49:12 Хур. 9:29, Айюб 41:3, Заб. 23:1, Аъм. 17:25

+ 49:14 Заб. 106:22, Ибр. 13:15, Ад. 30:3, Воиз 5:3, Юн. 2:10

+ 49:15 Заб. 80:8

+ 49:19 Заб. 51:4

+ 49:21 Воиз 8:11, Иш. 57:11

+ 49:22 Заб. 9:18

+ 50:2 2 Подш. 12:1

+ 50:3 Заб. 24:7, Иш. 43:25

+ 50:4 Иб. 16:30, 1 Юҳ. 1:7, 1 Юҳ. 1:9

+ 50:5 Заб. 31:5, Рум. 7:18

+ 50:6 2 Подш. 12:13, Рум. 3:4

+ 50:7 Айюб 14:4, Айюб 15:14, Заб. 57:4

+ 50:9 Иш. 1:18

+ 50:12 Мат. 5:12, Нав. 5:21

+ 50:16 2 Подш. 11:17, 2 Подш. 12:9

+ 50:18 Заб. 39:7

+ 50:19 Заб. 33:19

+ 50:20 Заб. 68:36, Заб. 146:2

+ 50:21 Заб. 4:6

+ 51:2 1 Подш. 22:9

+ 51:4 Заб. 49:19

+ 51:7 Заб. 26:13

+ 51:8 Заб. 39:3, Айюб 22:19

+ 51:9 Заб. 48:7

+ 51:10 Ирм. 11:16

● 52:1 *Заб. 13*

+ 52:2 Заб. 9:25, Мик. 7:2, Рум. 3:10-12

+ 52:3 Ҳас. 11:5, Так. Шар. 26:15, Заб. 32:14, Заб. 101:19

+ 52:4 Айюб 15:16

+ 52:5 Мас. 30:14, Ирм. 10:25, Ҳиз. 34:3, Мик. 3:3

+ 52:6 Иб. 26:17, Мас. 28:1

+ 53:1 1 Подш. 23:19, 1 Подш. 26:1

+ 53:5 Заб. 85:14

+ 53:7 Заб. 142:12

+ 53:9 Заб. 58:10, Заб. 91:12, Заб. 111:8, Заб. 117:7

+ 54:3 Заб. 63:1

+ 54:8 Ирм. 9:2

+ 54:10 Ирм. 6:7, Ҳиз. 7:23

+ 54:15 Заб. 41:5

+ 54:16 Ад. 16:30-33, Заб. 123:3, Мас. 1:12

+ 54:20 Так. Шар. 33:27, Заб. 89:3, Заб. 92:2, Ҳаб. 1:12

+ 54:21 Заб. 7:5

+ 54:22 Мас. 5:3

+ 54:23 Заб. 36:5, Иш. 46:4, Мат. 11:28-30

+ 54:24 Ваҳй 20:3, Заб. 5:7, Мас. 10:27

+ 55:1 1 Подш. 21:13

+ 55:5 Заб. 117:6, Иш. 51:7, Иш. 51:12, Мат. 10:28

+ 55:7 Заб. 70:10

+ 55:9 Заб. 38:13, Хур. 32:32, Заб. 68:29, Заб. 138:16, Мал. 3:16

+ 55:13 Иб. 5:4, Ад. 30:3, Так. Шар. 23:21, Заб. 49:14, Заб. 115:8

+ 55:14 Заб. 114:8, Айюб 33:30

● 56:1 *Заб. 107:2-6*

+ 56:1 Заб. 57:1, Заб. 58:1, Заб. 74:1, 1 Подш. 22:1, 1 Подш. 24:3, Заб. 141:1

+ 56:2 Рут 2:12, Заб. 16:8

+ 56:4 Заб. 143:5-7

+ 56:5 Заб. 57:7, Дон. 6:16, Мас. 12:18, Мас. 30:14

+ 56:7 Заб. 7:16

+ 56:8 Заб. 111:7-8

+ 56:9 Дов. 5:12, 1 Вақ. 15:16

+ 56:11 Заб. 35:5

+ 57:1 Заб. 56:1, Заб. 58:1, Заб. 74:1

+ 57:4 Заб. 50:7

+ 57:5 Так. Шар. 32:33, Заб. 139:4, Ирм. 8:17

+ 57:7 Айюб 29:17, Заб. 3:8, Заб. 56:5

+ 57:9 Айюб 3:16, Воиз 6:3

+ 57:11 Айюб 22:19, Заб. 67:24

+ 57:12 Заб. 9:9

+ 58:1 Заб. 56:1, Заб. 57:1, Заб. 74:1, 1 Подш. 19:11

+ 58:2 Заб. 19:1

+ 58:4 Заб. 9:30, 1 Подш. 24:12

+ 58:7 Заб. 21:17

+ 58:9 Заб. 2:4, Заб. 36:13

+ 58:10 Заб. 9:10

+ 58:11 Заб. 20:4, Заб. 53:9

+ 58:12 Ҳас. 15:1

+ 58:13 Мас. 12:13

+ 58:15 Заб. 21:17

+ 58:17 Заб. 17:3

● 59:1 *Заб. 107:7-14*

+ 59:1 Заб. 79:1

+ 59:2 2 Подш. 8:3, 2 Подш. 8:13

+ 59:3 Заб. 79:3

+ 59:5 Иш. 51:17

+ 59:8 Ҳас. 12:6, Ҳас. 33:18, Ҳас. 33:17

+ 59:13 Заб. 145:3, Ирм. 17:5

+ 60:4 Мас. 18:10

+ 60:5 Заб. 14:1, Рут 2:12, Заб. 16:8

+ 60:7 4 Подш. 20:6, Заб. 20:5

+ 60:9 Ад. 30:3, Воиз 5:3, Юн. 2:10

+ 61:1 1 Вақ. 16:41, 1 Вақ. 25:1, Заб. 38:1, Заб. 76:1

+ 61:3 Заб. 17:3, Заб. 29:7

+ 61:5 Мас. 26:23, Ирм. 9:8

+ 61:10 Айюб 7:16, Заб. 38:6, Заб. 143:4, Воиз 1:2, Айюб 31:6, Иш. 40:17, Дон. 4:32, Дон. 5:27

+ 61:11 Айюб 31:25, Луқ. 12:15

+ 61:12 Ваҳй 19:1

+ 61:13 Хур. 34:6, Заб. 85:5, Айюб 34:11, Мас. 24:12

+ 62:1 1 Подш. 23:14, 2 Подш. 16:14, 2 Подш. 17:2, 2 Подш. 17:29

+ 62:2 Иш. 26:9, Заб. 41:2, Заб. 142:6

+ 62:4 Заб. 35:8

+ 62:5 Заб. 103:33

+ 62:7 Заб. 41:9, Заб. 149:5, Аъм. 16:25

+ 62:8 Рут 2:12, Заб. 16:8

+ 62:10 Ад. 16:32-33

+ 62:12 Так. Шар. 6:13, Айюб 5:16, Заб. 106:42

+ 63:2 Заб. 54:3-4

+ 63:3 Ирм. 18:18

+ 63:4 Заб. 10:2, Заб. 56:4, Мас. 12:18, Мас. 30:14

+ 63:5 Мас. 1:11, Ирм. 5:26

+ 63:6 Айюб 22:13, Заб. 72:11

+ 63:8 Заб. 7:13-14, Заб. 17:15

+ 63:9 Мас. 12:13, Мас. 18:7, Воиз 10:12

+ 63:11 Заб. 7:2, Заб. 10:1

+ 64:2 Ад. 30:3, Воиз 5:3, Юн. 2:10

+ 64:3 Заб. 85:9

+ 64:4 Иш. 6:7

+ 64:5 Заб. 23:4, Заб. 26:4

+ 64:6 Заб. 21:28

+ 64:8 Заб. 88:10, Заб. 106:29, Юн. 1:15, Мат. 8:26, Иш. 17:12-13

+ 64:10 Иб. 26:4, Айюб 5:10, Заб. 45:5

+ 64:13 Иш. 30:23, Юил 2:22

+ 65:1 Заб. 97:4, Заб. 99:1

+ 65:3 Заб. 46:3, Так. Шар. 33:29

+ 65:4 Заб. 85:9

+ 65:5 Заб. 45:9

+ 65:6 Хур. 14:21-22, Еҳ. 3:14-17

+ 65:10 Айюб 23:10, Иш. 1:25, Иш. 48:10, Зак. 13:9, Мал. 3:3, 1 Пет. 1:7

+ 65:11 Ҳиз. 17:20, Ҳуш. 7:12

+ 65:12 Иш. 43:2

+ 65:13 Ад. 30:3, Воиз 5:3, Юн. 2:10

+ 65:16 Марк. 5:19

+ 65:18 Мас. 15:8, Мас. 28:9, Иш. 59:2

+ 66:2 Ад. 6:25, Заб. 4:6

+ 66:3 Тит. 2:11

+ 66:5 Заб. 9:9

+ 66:7 Иб. 26:4, Заб. 84:13

+ 67:2 Ад. 10:35, Иш. 33:10, Ад. 10:35

+ 67:3 Заб. 36:20, Ҳуш. 13:3, Заб. 96:5, Мик. 1:4

+ 67:4 Заб. 31:11

+ 67:5 Иш. 40:3

+ 67:6 Ҳуш. 14:4, Так. Шар. 10:18

+ 67:7 1 Подш. 2:5, Заб. 112:9, Иш. 61:1

+ 67:8 Хур. 13:21

+ 67:9 Хур. 19:18, Дов. 5:4

+ 67:13 Заб. 109:5

+ 67:15 Дов. 9:48

+ 67:17 Хур. 19:18, Заб. 131:13-14

+ 67:18 4 Подш. 6:17, Иш. 66:15, Ҳаб. 3:8

+ 67:19 Эфс. 4:8

+ 67:20 Заб. 54:23, Иш. 46:4, Мат. 11:28

+ 67:22 Заб. 109:6

+ 67:23 Ом. 9:3

+ 67:24 Заб. 57:11

+ 67:28 1 Подш. 9:21

+ 67:29 Заб. 75:12

+ 67:31 Заб. 21:13

+ 67:32 Иш. 11:11, Иш. 45:14

+ 67:33 Заб. 101:22-23

+ 67:34 Заб. 17:11, Заб. 103:3, 2 Подш. 22:14, Айюб 37:4, Заб. 17:14, Заб. 28:3

+ 67:36 Заб. 28:11

+ 68:1 Заб. 44:1

+ 68:2 Нав. 3:54, Юн. 2:4, Юн. 2:6

+ 68:3 Айюб 22:11, Заб. 17:5, Заб. 39:3, Заб. 41:7

+ 68:4 Заб. 118:82, Иш. 38:14

+ 68:5 Заб. 34:19, Юҳ. 15:25, Заб. 39:13

+ 68:8 Ирм. 15:15

+ 68:9 Айюб 19:13-14

+ 68:10 Юҳ. 2:17, Рум. 15:3

+ 68:15 Ирм. 38:6, Заб. 143:7

+ 68:17 Заб. 62:4, Заб. 108:21

+ 68:22 Мат. 27:34, Юҳ. 19:28-29

+ 68:23 Заб. 34:4-8, Заб. 108:6-15

+ 68:24 Рум. 11:9-10

+ 68:26 Аъм. 1:20

+ 68:28 Наҳ. 4:5

+ 68:29 Хур. 32:32, Заб. 55:9, Мал. 3:16, Ваҳй 3:5

+ 68:30 Заб. 19:2

+ 68:32 Заб. 49:13

+ 68:35 Заб. 95:11

+ 68:36 Заб. 68:36, Заб. 146:2

+ 68:37 Заб. 101:29

● 69:1 *Заб. 39:13-17*

+ 69:1 Заб. 37:1

+ 69:3 Заб. 34:4, Ирм. 17:18, Заб. 6:11

+ 69:4 Заб. 34:25

+ 69:6 Заб. 85:1, Заб. 108:22

● 70:1 *Заб. 30:1-4*

+ 70:2 Дон. 9:16

+ 70:3 Заб. 17:3

+ 70:4 Заб. 139:2, Заб. 139:5

+ 70:5 Ирм. 14:8, Ирм. 17:7

+ 70:6 Заб. 21:10-11

+ 70:8 Заб. 34:28

+ 70:10 Заб. 55:7

+ 70:11 Заб. 3:3

+ 70:13 Заб. 34:4, Заб. 39:15, Ирм. 17:18

+ 70:15 Заб. 39:6

+ 70:19 Заб. 35:6, Нав. 3:23, Хур. 15:11, Заб. 34:10

+ 70:20 Ҳуш. 6:2

+ 70:22 Заб. 32:2

+ 71:1 Заб. 126:1, Иш. 16:5, Иш. 32:1

+ 71:2 Иш. 9:7, Иш. 11:4, Иш. 32:1

+ 71:4 Мас. 29:14

+ 71:5 Заб. 88:37-38

+ 71:6 Так. Шар. 32:2

+ 71:7 Заб. 91:13

+ 71:8 Хур. 23:31, 3 Подш. 4:21, Заб. 88:26, Мик. 5:4, Зак. 9:10

+ 71:9 Иш. 49:23, Мик. 7:17

+ 71:10 Ҳас. 10:4, Юн. 1:3, 3 Подш. 10:1, Иш. 43:3, Иш. 45:14

+ 71:11 Иш. 49:23

+ 71:12 Мас. 31:8

+ 71:14 Заб. 115:6

+ 71:15 3 Подш. 10:10

+ 71:16 Айюб 5:25

+ 71:17 Заб. 103:31, Ҳас. 12:3

+ 71:18 Заб. 135:4

+ 71:19 Ад. 14:21, Иш. 6:3, Иш. 11:9, Ҳаб. 2:14, Заб. 40:14

+ 72:1 Заб. 31:2, Юҳ. 1:47

+ 72:3 Айюб 21:7, Заб. 36:1, Мас. 3:31

+ 72:11 Айюб 22:13

+ 72:13 Так. Шар. 21:6, Айюб 34:9, Заб. 25:6

+ 72:17 Заб. 36:38

+ 72:18 Заб. 34:6, Ирм. 23:12

+ 72:22 Айюб 18:3, Воиз 3:18

+ 72:25 Заб. 15:2

+ 72:26 Заб. 15:5, Нав. 3:24

+ 72:28 Яъқ. 4:8, Заб. 117:17

+ 73:1 Заб. 78:13, Заб. 94:7, Заб. 99:3, Ҳиз. 34:31, Зак. 9:16

+ 73:2 Хур. 3:1-2, Хур. 19:18

+ 73:4 Нав. 2:7

+ 73:6 3 Подш. 6:18, 4 Подш. 25:13-17

+ 73:8 Заб. 82:5

+ 73:9 1 Подш. 3:1, Мас. 29:18, Ом. 8:11

+ 73:11 Нав. 2:3

+ 73:12 Заб. 43:5

+ 73:13 Айюб 3:8, Айюб 40:20, Айюб 41:1, Заб. 103:26, Иш. 27:1

+ 73:15 Хур. 17:5-6, Ад. 20:11, Еҳ. 3:13

+ 73:16 Заб. 103:19, Ирм. 33:25

+ 73:17 Ҳас. 8:22

+ 73:19 Сур. Сур. 2:14

+ 73:20 Иб. 26:44, Заб. 105:45

+ 73:23 Заб. 64:7

+ 74:1 Заб. 56:1, Заб. 57:1, Заб. 58:1

+ 74:3 Дон. 8:19, Ҳаб. 2:3

+ 74:4 Иш. 24:19-20, Айюб 9:7

+ 74:8 1 Подш. 2:7

+ 74:9 Иш. 51:17, Ирм. 25:15, Ҳиз. 23:32-34, Уб. 1:16, Зак. 12:2, Ваҳй 14:10

+ 74:11 Заб. 100:8

+ 75:3 Заб. 47:3-4

+ 75:4 1 Подш. 2:4, Заб. 45:10, Ҳиз. 39:3

+ 75:6 Ирм. 51:39

+ 75:7 Хур. 15:1, Хур. 15:21

+ 75:8 Юил 2:11, Наҳум 1:6, Ваҳй 6:17

+ 75:12 Ад. 30:3, Воиз 5:3, Юн. 2:10, Заб. 46:2-3, Заб. 67:29, Мал. 1:14

+ 76:1 1 Вақ. 16:41, 1 Вақ. 25:1, Заб. 38:1, Заб. 61:1

+ 76:3 Заб. 85:7

+ 76:6 Так. Шар. 32:7, Заб. 142:5

+ 76:12 Заб. 104:5-6

+ 76:14 Хур. 15:11

+ 76:17 Заб. 113:3, Ҳаб. 3:10

+ 76:18 Заб. 17:14, Заб. 143:6

+ 76:19 Заб. 96:4

+ 76:20 Ҳаб. 3:15

+ 76:21 Хур. 12:50-51, Воиз 12:12, Иш. 63:11, Ҳуш. 12:13

+ 77:2 Заб. 48:5, Мат. 13:35

+ 77:3 Ад. 23:23, Так. Шар. 32:7, Заб. 43:2

+ 77:4 Айюб 15:18, Так. Шар. 4:9, Так. Шар. 6:7, Так. Шар. 11:19, Так. Шар. 32:46

+ 77:5 Так. Шар. 31:12-13

+ 77:6 Заб. 101:19

+ 77:8 Хур. 32:9, Ирм. 5:23, 4 Подш. 17:14, Зак. 1:4

+ 77:11 Так. Шар. 8:14, Заб. 105:13, Ҳуш. 13:6

+ 77:12 Ад. 13:22, Хур. 7, Мик. 7:15

+ 77:13 Хур. 14:21-22, Хур. 15:8

+ 77:14 Хур. 13:21-22

+ 77:15 Хур. 17:6, Ад. 20:11

+ 77:18 Хур. 17:7, Ад. 20:13, Ад. 11:4-6

+ 77:21 Ад. 11:1

+ 77:23 Ҳас. 7:11

+ 77:24 Хур. 16:4, Хур. 16:14-31

+ 77:27 Хур. 16:13, Ад. 11:31

+ 77:29 Ад. 11:20

+ 77:31 Ад. 11:33-34

+ 77:32 Ад. 14:11

+ 77:33 Заб. 38:6

+ 77:35 Так. Шар. 32:4

+ 77:36 Иш. 29:13, Ҳуш. 7:13-14

+ 77:37 Ҳиз. 20:16

+ 77:38 Хур. 34:6, Ад. 14:20

+ 77:39 Ҳас. 6:3

+ 77:40 Иш. 63:10

+ 77:43 Хур. 7:3, Заб. 104:27-36

+ 77:44 Хур. 7:17-24

+ 77:45 Хур. 8:2-14, Хур. 8:21-24

+ 77:46 Хур. 10:12-15

+ 77:47 Хур. 9:23-25

+ 77:48 Хур. 9:19-21

+ 77:49 Хур. 12:13, Хур. 12:23

+ 77:51 Хур. 12:29, Заб. 134:8

+ 77:52 Заб. 76:21

+ 77:53 Хур. 14:27-28, Хур. 15:10

+ 77:54 Хур. 15:17

+ 77:55 Ех. 23:4, Заб. 134:12

+ 77:56 Дов. 2:11-12

+ 77:57 Ҳуш. 7:16

+ 77:58 Так. Шар. 31:29, Так. Шар. 32:16

+ 77:60 Ех. 18:1, Дов. 18:30

+ 77:62 1 Подш. 4:10

+ 77:64 1 Подш. 4:11, Айюб 27:15

+ 77:65 Заб. 34:23, Заб. 43:24, Иш. 42:13

+ 77:68 Ҳас. 49:8, 1 Вақ. 5:2, 1 Вақ. 28:4, Заб. 86:2

+ 77:70 1 Подш. 16:12-13

+ 77:71 2 Подш. 5:2

+ 77:72 3 Подш. 9:4

+ 78:1 Нав. 1:10

+ 78:2 Так. Шар. 28:26

+ 78:3 Ирм. 14:16, Саф. 1:17

+ 78:4 Заб. 43:14, Дон. 9:16, Мик. 6:16

+ 78:5 Заб. 84:6, Заб. 88:47

+ 78:6 Ирм. 10:25, Ваҳй 16:1

+ 78:7 Заб. 13:4

+ 78:8 Иш. 64:9

+ 78:9 Заб. 24:11, Ирм. 14:7, Луқ. 18:13

+ 78:10 Заб. 41:4, Заб. 113:10, Юил 2:17, Мик. 7:10, Так. Шар. 32:43

+ 78:11 Заб. 101:21

+ 78:12 Ҳас. 4:15, Иб. 26:21

+ 78:13 Заб. 73:1, Ҳиз. 34:31, Зак. 9:16

+ 79:1 Заб. 59:1

+ 79:2 Заб. 76:21, Воиз 12:12, 1 Подш. 4:4, 2 Подш. 6:2, Заб. 98:1, Так. Шар. 33:2, Заб. 49:2

+ 79:3 Ад. 2:18-24

+ 79:4 Заб. 59:3, Ад. 6:25

+ 79:5 Заб. 88:47, Зак. 1:12

+ 79:6 Заб. 41:4, Заб. 101:10

+ 79:8 Ад. 6:25

+ 79:9 Иш. 5:1, Ирм. 2:21, Мат. 21:33, Так. Шар. 7:1

+ 79:12 Заб. 71:8

+ 79:13 Заб. 88:41, Нав. 2:2

+ 79:15 Иш. 63:15

+ 79:17 4 Подш. 25:9

+ 79:20 Ад. 6:25

+ 80:1 Заб. 8:1, Заб. 83:1

+ 80:4 Иб. 23:24, Ад. 10:10

+ 80:6 Хур. 11:4, Так. Шар. 28:49, Ирм. 5:15

+ 80:7 Хур. 1:11

+ 80:8 Заб. 49:15, Хур. 17:1-7, Ад. 20:2-13

+ 80:9 Заб. 49:7

+ 80:10 Хур. 20:2-3

+ 80:13 Ҳиз. 20:25

+ 80:14 Так. Шар. 5:29, Иш. 48:18

+ 80:17 Так. Шар. 32:13-14

+ 81:1 Иш. 3:13

+ 81:2 Иб. 19:15, Так. Шар. 1:17, Мас. 18:5

+ 81:3 Заб. 9:39, Ирм. 22:3

+ 81:4 Айюб 29:12, Мас. 24:11

+ 81:5 Заб. 10:3

+ 81:6 Юҳ. 10:34

+ 81:7 Заб. 48:13, Ҳиз. 31:14

+ 82:2 Заб. 27:1

+ 82:4 Наҳ. 4:8

+ 82:5 Заб. 73:8, Еҳ. 7:9

+ 82:7 Ҳас. 25:12-16, 1 Вақ. 5:10

+ 82:8 Еҳ. 13:5, 3 Подш. 15:18, Ҳиз. 27:9

+ 82:9 4 Подш. 15:19

+ 82:10 Дов. 4:13-15, Дов. 7:19-25

+ 82:11 Ех. 17:11, 1 Подш. 28:7, Айюб 20:7

+ 82:12 Дов. 7:25, Дов. 8:21

+ 82:14 Айюб 13:25, Айюб 21:18

+ 82:15 Иш. 10:16-17

+ 82:16 3 Подш. 19:11, Айюб 9:17, Айюб 38:1

+ 82:19 Хур. 6:3

+ 83:1 Заб. 8:1, Заб. 80:1

+ 83:3 Заб. 41:2, Заб. 62:1

+ 83:4 Заб. 5:3

+ 83:5 Заб. 22:6, Заб. 64:5

+ 83:6 Заб. 121:1

+ 83:10 Ҳас. 15:1

+ 83:12 Ҳас. 15:1, Мал. 4:2, Луқ. 1:78

+ 83:13 Мас. 16:20

+ 84:3 Заб. 31:1

+ 84:4 Хур. 32:12

+ 84:6 Заб. 78:5

+ 84:13 Иб. 26:4, Заб. 66:6

+ 84:14 Иш. 58:8

+ 85:1 Заб. 16:1, Заб. 141:1, Заб. 39:18

+ 85:4 Заб. 24:1

+ 85:5 Хур. 34:6, Заб. 144:8

+ 85:7 Заб. 76:3

+ 85:8 Хур. 15:11, Заб. 34:10, Заб. 95:4, Заб. 96:9, Ирм. 10:6

+ 85:9 Заб. 65:4, Ваҳй 15:4

+ 85:10 Так. Шар. 6:4, Иш. 37:16

+ 85:11 Заб. 24:4

+ 85:13 Айюб 33:28, Заб. 15:10, Иш. 38:17

+ 85:14 Заб. 53:5

+ 85:15 Хур. 34:6

+ 85:16 Заб. 115:7

+ 85:17 Дов. 6:17

+ 86:2 Заб. 47:2, Иш. 28:16, Заб. 77:68

+ 86:3 Заб. 45:5-6

+ 86:5 Заб. 47:9

+ 86:7 Заб. 35:9, Ҳиз. 47:1

+ 87:1 3 Подш. 4:31, 1 Вақ. 2:6

+ 87:2 Заб. 21:3, Луқ. 18:7

+ 87:4 Заб. 15:10

+ 87:5 Заб. 27:1, Заб. 142:7, Мас. 1:12

+ 87:6 Иш. 26:14

+ 87:7 Айюб 10:21-22, Заб. 142:3, Нав. 3:6

+ 87:8 Заб. 41:7-8

+ 87:9 Айюб 19:13, Заб. 30:12, Айюб 30:10

+ 87:11 Заб. 6:6, Иш. 38:18

+ 87:13 Айюб 10:21-22, Воиз 9:5

+ 87:14 Заб. 5:4

+ 87:17 Айюб 6:4

+ 87:18 Заб. 21:17

+ 87:19 Айюб 19:13-14, Заб. 37:12

+ 88:1 3 Подш. 4:31, 1 Вақ. 2:6

+ 88:2 Заб. 100:1

+ 88:5 2 Подш. 7:16, Заб. 131:11-12

+ 88:6 Заб. 18:1, Айюб 5:1, Айюб 15:15, Зак. 14:5

+ 88:7 Хур. 15:11, Ҳас. 6:2, Айюб 1:6

+ 88:9 Заб. 34:10

+ 88:10 Айюб 38:11, Заб. 64:8, Юн. 1:15

+ 88:11 Айюб 9:13, Айюб 26:12, Иш. 51:9

+ 88:12 1 Вақ. 29:11, Заб. 23:1

+ 88:13 Так. Шар. 3:9, Дов. 4:6

+ 88:15 Заб. 96:2

+ 88:16 Ад. 6:25, Заб. 4:7

+ 88:19 Заб. 46:10

+ 88:20 1 Подш. 13:14, 1 Подш. 16:13, Аъм. 13:22

+ 88:24 Заб. 2:9

+ 88:26 Заб. 71:8

+ 88:27 Так. Шар. 32:15, Заб. 94:1

+ 88:28 2 Подш. 7:14, 3 Подш. 10:22

+ 88:29 Иш. 55:3

+ 88:30 Айюб 14:12

+ 88:33 2 Подш. 7:14

+ 88:34 Ирм. 33:21

+ 88:36 Ом. 4:2, Ибр. 6:17-18

+ 88:38 Айюб 16:19

+ 88:39 Заб. 43:10

+ 88:40 Айюб 19:9, Ирм. 13:18, Нав. 5:16

+ 88:41 Нав. 2:2

+ 88:46 2 Подш. 24:15

+ 88:47 Заб. 12:1, Заб. 78:5, Ҳаб. 1:2, Зак. 1:12, Заб. 12:2, Заб. 78:5

+ 88:48 Айюб 7:7

+ 88:49 Заб. 48:10

+ 88:53 Заб. 40:14

+ 89:1 Заб. 33:1, Эзр. 3:2

+ 89:2 Так. Шар. 33:27

+ 89:3 Мас. 8:25, Так. Шар. 33:27, Заб. 92:2, Ҳаб. 1:12

+ 89:4 Ҳас. 3:19, Айюб 34:15, Заб. 102:14, Воиз 3:20, Воиз 12:7

+ 89:5 2 Пет. 3:8, Заб. 38:6

+ 89:6 Заб. 36:2, Иш. 40:6-8

+ 89:8 Ирм. 16:17

+ 89:10 Ҳас. 6:3, Ҳас. 47:9

+ 89:12 Воиз 7:2

+ 89:17 Заб. 127:2

+ 90:1 Заб. 31:7, Заб. 120:5

+ 90:2 Заб. 17:3

+ 90:3 Заб. 123:7, Мас. 6:5

+ 90:4 Заб. 16:8, Заб. 35:5

+ 90:5 Сур. Сур. 3:8, Айюб 5:19-23, Мас. 3:23, Мас. 3:25

+ 90:8 Заб. 36:34, Заб. 91:12, Мас. 29:16

+ 90:9 Так. Шар. 33:27, Заб. 17:3

+ 90:10 Мас. 12:21

+ 90:12 Мас. 3:23, Мат. 4:6, Луқ. 4:10-11

+ 90:13 Марқ. 16:18, Луқ. 10:19

+ 90:14 Заб. 21:8-9, Мас. 8:17, Заб. 9:11

+ 90:15 Айюб 12:4, Ирм. 33:3

+ 90:16 Заб. 20:5

+ 91:2 Заб. 146:1

+ 91:6 Заб. 110:2, Ваҳй 15:3

+ 91:9 Заб. 92:4

+ 91:11 Заб. 22:5, Мас. 27:9, Воиз 9:8

+ 91:12 Заб. 36:34, Заб. 59:10, Заб. 90:8, Мас. 29:16

+ 91:13 Заб. 71:7, Мас. 11:28, Иш. 65:22, Мас. 11:28

+ 91:14 Заб. 134:2

+ 91:16 Заб. 17:2, Ҳас. 18:25, Айюб 34:10

+ 92:1 1 Вақ. 16:31, Заб. 95:10, Заб. 96:1, Заб. 98:1, Заб. 103:1

+ 92:2 Так. Шар. 33:27, Заб. 54:20, Заб. 89:3, Ҳаб. 1:12

+ 92:3 Ҳаб. 3:10

+ 92:4 Заб. 91:9

+ 93:1 Так. Шар. 32:35, Так. Шар. 32:43, Иш. 35:4, Так. Шар. 33:2, Заб. 49:2

+ 93:2 Иш. 33:10

+ 93:3 Ваҳй 6:10

+ 93:5 Иш. 3:15

+ 93:6 Иш. 10:2

+ 93:7 Айюб 22:13, Саф. 1:12, Мал. 3:14

+ 93:9 Мас. 20:12

+ 93:10 Айюб 7:16, Заб. 38:6, Воиз 1:2, 1 Қўр. 3:20

+ 93:12 Айюб 5:17, Мас. 3:11-12

+ 93:14 1 Подш. 12:22, Рум. 11:2

+ 93:17 Заб. 123:1-3

+ 93:21 Хур. 23:7, Мас. 17:15, Иш. 5:23

+ 93:22 Заб. 17:3

+ 94:1 Так. Шар. 32:15, Заб. 88:27

+ 94:3 1 Подш. 5:3, 2 Вак. 2:5, Заб. 85:8, Заб. 134:5

+ 94:5 Ҳас. 1:9-10

+ 94:6 2 Вак. 6:13, Дон. 6:10

+ 94:7 Заб. 73:1, Ҳиз. 34:31, Зак. 9:16, Ибр. 3:7-11

+ 94:11 Ад. 14:22-23, Так. Шар. 1:35, Так. Шар. 12:9, Ҳиз. 20:15

● 95:1 *1 Вақ. 16:23-33*

+ 95:1 Заб. 32:3, Иш. 42:10

+ 95:2 Заб. 99:4

+ 95:3 Заб. 9:2

+ 95:4 2 Подш. 22:4, Заб. 17:4, Заб. 144:3, Хур. 18:11

+ 95:5 Иш. 44:24, Ирм. 10:12

+ 95:7 Заб. 28:1

+ 95:9 Заб. 113:7

+ 95:10 Заб. 92:1, Заб. 96:1, Заб. 98:1

+ 95:11 Иш. 44:23, Иш. 49:13, Заб. 97:7

+ 95:13 Заб. 9:9

+ 96:1 Заб. 92:1, Заб. 95:10, Заб. 98:1

+ 96:2 Хур. 19:9, Хур. 20:21, Заб. 17:12, Заб. 88:15

+ 96:3 Заб. 20:10

+ 96:4 Заб. 76:19

+ 96:5 Еҳ. 3:11, Мик. 4:13, Зак. 4:14, Зак. 6:5, Заб. 67:3, Мик. 1:4, Наҳум 1:5

+ 96:6 Заб. 18:2, Заб. 49:6

+ 96:7 Иш. 42:17, Ирм. 10:14, Ибр. 1:6

+ 96:8 Заб. 47:12

+ 96:9 1 Подш. 5:3, 2 Вак. 2:5, Заб. 85:8

+ 96:10 Мас. 8:13, Ом. 5:15, Рум. 12:9, Заб. 30:24, Заб. 36:28

+ 96:11 Заб. 26:1, Заб. 111:4, Мас. 4:18, Мик. 7:8

+ 96:12 Заб. 31:11

+ 97:1 Заб. 32:3, Иш. 42:10, Иш. 59:16

+ 97:3 Иш. 52:10

+ 97:4 Заб. 65:1, Заб. 99:1

+ 97:6 Ад. 10:10

+ 97:7 Заб. 95:11

+ 97:8 Иш. 55:12

+ 97:9 Заб. 95:13, Заб. 109:6, Иш. 2:4, Иш. 3:13, Юил 3:12

+ 98:1 Заб. 92:1, Заб. 95:10, Заб. 96:1, Заб. 79:2

+ 98:2 Заб. 112:4

+ 98:4 Заб. 10:7

+ 98:6 Хур. 32:11-14, Ад. 16:48, 1 Подш. 7:9-10

+ 98:7 Хур. 33:9

+ 98:8 Ад. 14:20, Ад. 20:12

+ 98:9 Заб. 2:6

+ 99:1 Заб. 65:1, Заб. 97:4

+ 99:3 3 Подш. 18:39, Заб. 73:1, Ҳиз. 34:31, Зак. 9:16

+ 99:4 Заб. 95:2

+ 99:5 Заб. 105:1

+ 100:1 Заб. 88:2

+ 100:2 Заб. 118:1, 3 Подш. 9:4

+ 100:5 Хур. 20:16, Мас. 19:5, Мас. 6:17, Мас. 30:13

+ 100:8 Заб. 74:11

+ 101:1 Заб. 141:2

+ 101:4 Заб. 36:20, Айюб 30:30, Нав. 1:13

+ 101:5 Заб. 36:2, Айюб 33:20, Заб. 106:18

+ 101:7 Саф. 2:14

+ 101:9 Иш. 65:15, Ирм. 29:22

+ 101:10 Заб. 41:4, Заб. 79:6

+ 101:12 1 Вақ. 29:15, Айюб 8:9, Айюб 14:2, Заб. 108:23, Заб. 143:4

+ 101:13 Заб. 9:8, Нав. 5:19, Заб. 134:13

+ 101:14 Ад. 10:35, Иш. 33:10, Ирм. 29:20, Дон. 9:2

+ 101:15 Наҳ. 4:2

+ 101:16 3 Подш. 8:41

+ 101:17 Иш. 60:1

+ 101:19 Заб. 21:31, Заб. 77:6

+ 101:20 Ҳас. 11:5, Так. Шар. 26:15, Заб. 13:2

+ 101:21 Заб. 78:11

+ 101:22 Заб. 67:33

+ 101:25 Ҳаб. 1:12

+ 101:26 1 Подш. 2:8

+ 101:27 Иш. 51:6, Ваҳй 20:11

+ 101:28 Айюб 36:26, Мал. 3:6, Ибр. 1:10-12, Ибр. 13:8

+ 101:29 Заб. 68:37, Заб. 111:2

+ 102:1 Заб. 103:1, Заб. 145:1

+ 102:3 Хур. 15:26, Хур. 34:7

+ 102:4 Заб. 5:13

+ 102:5 Иш. 40:31

+ 102:8 Хур. 34:6

+ 102:9 Иш. 57:16, Ирм. 3:5, Нав. 3:31, Мик. 7:18

+ 102:10 Эзр. 9:13, Ҳиз. 20:44

+ 102:11 Заб. 35:6, Иш. 55:9

+ 102:12 Иш. 43:25

+ 102:13 Мал. 3:17

+ 102:14 Ҳас. 2:7

+ 102:15 Айюб 14:11, Заб. 89:6

+ 102:16 Айюб 7:10, Айюб 24:24, Заб. 36:10

+ 102:17 Заб. 24:6

+ 102:18 Хур. 20:6, Так. Шар. 7:9

+ 102:19 Заб. 10:4, Заб. 92:2

+ 102:20 Заб. 148:2

+ 103:1 Заб. 102:1, 2 Подш. 7:22, Заб. 92:1

+ 103:2 Айюб 9:8, Ирм. 10:12, Ирм. 51:15

+ 103:3 Ом. 9:6, Заб. 17:11

+ 103:4 Зак. 6:5, Ҳиз. 1:13, Ибр. 1:7

+ 103:5 1 Подш. 2:8, Заб. 23:2, Мас. 8:29, Заб. 118:90, Воиз 1:4

+ 103:7 Айюб 26:11, Заб. 17:16, Иш. 50:2

+ 103:9 Ҳас. 1:9, Айюб 38:8-11, Заб. 32:7, Ирм. 5:22

+ 103:14 Так. Шар. 11:14-15, Заб. 146:8-9

+ 103:15 Дов. 9:13, Мас. 31:6, Воиз 10:19, Аъм. 14:17

+ 103:18 Айюб 39:1

+ 103:19 Ҳас. 1:14, Заб. 73:16, Ирм. 33:25

+ 103:20 Иш. 45:7

+ 103:21 Айюб 38:39, Юил 1:20

+ 103:22 Айюб 37:8

+ 103:24 Мас. 3:19

+ 103:27 Заб. 135:25

+ 103:28 Заб. 144:16

+ 103:29 Ҳас. 3:19, Айюб 34:15, Заб. 89:4, Заб. 145:4, Воиз 3:20, Воиз 12:7

+ 103:30 Айюб 33:4

+ 103:31 Заб. 71:17

+ 103:32 Заб. 143:5

+ 103:33 Заб. 62:5, Заб. 145:2

● 104:1 *1 Вақ. 16:8-22*

+ 104:1 Иш. 12:4

+ 104:2 Ирм. 21:2

+ 104:4 Заб. 23:6, Заб. 26:8

+ 104:5 Заб. 76:12-13

+ 104:7 Иш. 26:9

+ 104:8 Так. Шар. 7:9, Иб. 26:42

+ 104:9 Ҳас. 17:2, Ҳас. 26:3

+ 104:11 Ҳас. 35:11-12

+ 104:12 Так. Шар. 7:7, Так. Шар. 26:5

+ 104:14 Ҳас. 12:17, Ҳас. 20:3

+ 104:15 Ҳас. 20:7

+ 104:16 Ҳас. 41:54

+ 104:17 Ҳас. 37:28, Ҳас. 45:5

+ 104:19 Ҳас. 37:7, Ҳас. 41:54

+ 104:20 Ҳас. 41:14

+ 104:21 Ҳас. 41:40

+ 104:23 Ҳас. 46:6

+ 104:24 Хур. 1:7, Так. Шар. 26:5

+ 104:25 Хур. 9:12

+ 104:26 Хур. 3:10, Хур. 4:14

+ 104:27 Хур. 7:3, Заб. 77:43-51

+ 104:28 Хур. 10:21-23

+ 104:29 Хур. 7:17-24

+ 104:30 Хур. 8:2-14

+ 104:31 Хур. 8:16-24

+ 104:32 Хур. 9:23-25

+ 104:34 Хур. 10:12-15

+ 104:36 Хур. 12:29

+ 104:37 Хур. 12:35-36

+ 104:38 Хур. 12:33

+ 104:39 Хур. 13:21-22

+ 104:40 Хур. 16:4, Хур. 16:14-31

+ 104:41 Хур. 17:6, Ад. 20:11

+ 104:42 Ҳас. 15:14

+ 104:43 Ҳас. 15

+ 104:44 Еҳ. 24:13

+ 105:1 1 Вақ. 16:34, 2 Вақ. 5:13, 2 Вақ. 20:21, Эзр. 3:11, Ирм. 33:11

+ 105:3 Заб. 14:2

+ 105:6 Эзр. 9:7, Ирм. 3:25

+ 105:7 Хур. 14:11

+ 105:8 Хур. 9:16, Хур. 14:18

+ 105:9 Хур. 15:8, Заб. 17:16, Хур. 14:21-22

+ 105:10 Луқ. 1:71

+ 105:11 Хур. 14:28

+ 105:12 Хур. 14:31

+ 105:13 Так. Шар. 8:14, Заб. 77:11, Ҳуш. 13:6

+ 105:14 Ад. 11:4

+ 105:15 Ад. 11:20, Заб. 77:29

+ 105:16 Ад. 16:1-3

+ 105:17 Ад. 16:31-32, Ад. 11:6

+ 105:18 Ад. 16:35

+ 105:19 Хур. 32:4, Так. Шар. 9:8

+ 105:20 Ирм. 2:11, Рум. 1:23

+ 105:21 Так. Шар. 8:12-14, Заб. 77:11, Мас. 3:12, Ҳуш. 13:6

+ 105:23 Хур. 32:10, Так. Шар. 9:14

+ 105:24 Ад. 14:2-4

+ 105:27 Ад. 14:30

+ 105:28 Ад. 25:1-5, Ҳуш. 9:10

+ 105:30 Ад. 25:7-8

+ 105:31 Ҳас. 15:6, Ад. 25:10-13

+ 105:32 Хур. 17:7, Ад. 20:13

+ 105:33 Ад. 20:10

+ 105:34 Дов. 1:21, Дов. 1:27-36

+ 105:35 Дов. 3:5-6, Ҳуш. 7:8

+ 105:36 Хур. 23:33, Дов. 2:3, Дов. 2:13

+ 105:37 Так. Шар. 32:17

+ 105:38 Ад. 35:33

+ 105:41 Дов. 2:14

+ 105:42 Дов. 4:3

+ 105:43 Дов. 2:16

+ 105:44 Дов. 3:9, Дов. 4:3

+ 105:45 Иб. 26:42, Заб. 73:20, Нав. 3:32

+ 105:46 Эзр. 1:1

+ 105:48 1 Вақ. 16:35-36, Заб. 40:14

+ 106:1 Заб. 105:1

+ 106:2 Заб. 105:10, Так. Шар. 30:3, Иш. 11:12, Ирм. 32:37, Ҳиз. 11:17, Саф. 3:20

+ 106:9 Луқ. 1:53

+ 106:10 Айюб 36:7, Иш. 9:2, Иш. 42:7, Иш. 49:9

+ 106:11 Мас. 1:25

+ 106:12 Заб. 21:12

+ 106:16 Иш. 45:2

+ 106:18 Айюб 33:20, Заб. 9:14

+ 106:20 4 Подш. 20:5

+ 106:22 Заб. 49:14, Ибр. 13:15

+ 106:25 Юн. 1:4

+ 106:27 Айюб 12:25, Иш. 24:20

+ 106:29 Заб. 64:8, Заб. 88:10, Юн. 1:15, Мат. 8:26

+ 106:33 Иш. 50:2

+ 106:34 Ҳас. 19:24-28, Ирм. 4:26

+ 106:35 Айюб 38:26, Иш. 35:6, Иш. 41:18

+ 106:38 Ҳас. 12:2, Хур. 1:7, Айюб 42:10

+ 106:40 Айюб 12:21, Айюб 12:24

+ 106:41 1 Подш. 2:8, Заб. 112:7

+ 106:42 Айюб 22:19, Заб. 118:74, Айюб 5:16, Заб. 62:12

+ 106:43 Дон. 12:10, Ҳуш. 14:10

● 107:1 *Заб. 56:8-12, Заб. 59:7-14*

+ 107:2 Заб. 111:7-8

+ 107:3 1 Вақ. 15:16

+ 107:5 Заб. 35:5

+ 107:8 Ҳас. 12:6, Ҳас. 33:18, Ҳас. 33:17

+ 107:13 Заб. 145:3, Ирм. 17:5

+ 108:1 Заб. 27:1

+ 108:2 Заб. 51:4

+ 108:3 Заб. 34:19

+ 108:5 Заб. 34:12, Мас. 17:13, Ирм. 18:20

+ 108:6 Заб. 34:4-8, Заб. 68:23-26

+ 108:7 Мас. 28:10

+ 108:8 Аъм. 1:20

+ 108:9 Хур. 22:24

+ 108:10 Ирм. 18:21

+ 108:13 Айюб 18:19, Заб. 20:11

+ 108:14 Хур. 20:5

+ 108:15 Нав. 1:22, Айюб 18:17, Мас. 10:7

+ 108:18 Ад. 5:22

+ 108:21 Заб. 68:17

+ 108:22 Заб. 39:8

+ 108:23 Заб. 101:12, Хур. 10:19

+ 108:29 Айюб 8:22

+ 108:31 Заб. 15:8

+ 109:1 Мат. 22:44, Марқ. 12:36, Луқ. 20:42-43, Аъм. 2:34-35, Заб. 8:7, Марқ. 16:19, Ибр. 1:13, Ибр. 10:13

+ 109:2 Заб. 2:6, Заб. 71:8

+ 109:4 Ибр. 6:17-18, Ҳас. 14:18-20, Ибр. 5:6, Ибр. 7:17, Ибр. 7:21

+ 109:5 Заб. 67:13

+ 109:6 Заб. 9:9, Юил 3:12, Заб. 67:22

+ 110:1 Заб. 149:1, Заб. 137:1

+ 110:2 Заб. 91:6

+ 110:3 Заб. 111:3

+ 110:4 Хур. 34:6

+ 110:5 Заб. 104:8

+ 110:9 Луқ. 1:68, Заб. 98:3, Луқ. 1:49

+ 110:10 Айюб 28:28, Мас. 1:7, Мас. 9:10, Так. Шар. 4:6

+ 111:1 Заб. 1:2, Заб. 127:1

+ 111:2 Мас. 11:21

+ 111:3 Заб. 110:3

+ 111:4 Заб. 26:1, Заб. 96:11, Мик. 7:8

+ 111:5 Заб. 36:26

+ 111:6 Мас. 10:7

+ 111:7 Заб. 56:8, Заб. 107:2

+ 111:8 Заб. 53:9

+ 111:9 Мас. 11:24-25, Так. Шар. 24:13, 2 Қӯр. 9:9

+ 111:10 Айюб 16:9

+ 112:2 Айюб 1:21, Заб. 113:26

+ 112:3 Заб. 47:11, Заб. 49:1, Мик. 1:11

+ 112:4 Заб. 98:2, Заб. 148:13, Заб. 8:1

+ 112:5 Заб. 34:10

+ 112:6 Заб. 10:4

+ 112:7 1 Подш. 2:8, Заб. 106:41

+ 112:9 1 Подш. 2:5, Заб. 67:7

+ 113:1 Хур. 12:37

+ 113:3 Хур. 14:21-22, Заб. 76:17, Еҳ. 3:13

+ 113:4 Заб. 28:6

+ 113:7 Заб. 95:9

+ 113:8 Хур. 17:6, Ад. 20:11, Заб. 77:15

+ 113:10 Заб. 41:4, Заб. 78:10, Юил 2:17, Мик. 7:10

+ 113:11 Заб. 2:4, Заб. 10:4, Иш. 66:1, Заб. 134:6

+ 113:12 Заб. 134:15-18

+ 113:13 Так. Шар. 4:28

+ 113:15 Иш. 46:7, Ирм. 10:5

+ 113:16 Иш. 44:9

+ 113:18 Ҳас. 15:1

+ 113:22 Иш. 65:23

+ 113:25 Заб. 6:6, Воиз 9:10, Иш. 38:18

+ 113:26 Заб. 112:2

+ 114:1 Так. Шар. 6:5, Заб. 17:2

+ 114:3 Заб. 17:5-6

+ 114:5 Хур. 34:6

+ 114:7 Заб. 12:6

+ 114:8 Заб. 55:14

+ 114:9 Заб. 26:13

+ 115:1 2 Қӯр. 4:13

+ 115:2 Заб. 61:8

+ 115:3 2 Вак. 32:25

+ 115:5 Ад. 30:3, Заб. 49:14, Воиз 5:3, Юн. 2:10

+ 115:6 Заб. 71:14

+ 115:7 Заб. 85:16

+ 115:8 Заб. 49:14, Заб. 55:13

+ 116:1 Рум. 15:11

+ 116:2 Заб. 35:6, Иш. 55:9

+ 117:1 Заб. 105:1

+ 117:5 Заб. 17:20, Заб. 30:8

+ 117:6 Заб. 55:5, Заб. 55:12, Иш. 51:7, Иш. 51:12, Ибр. 13:6

+ 117:7 Заб. 53:9

+ 117:8 Заб. 145:3, Ирм. 17:5

+ 117:10 Заб. 21:13

+ 117:14 Хур. 15:2, Иш. 12:2

+ 117:15 Хур. 15:6

+ 117:17 Заб. 72:28, Заб. 106:22

+ 117:19 Заб. 23:7, Иш. 26:2

+ 117:20 Ваҳй 21:27

+ 117:22 Иш. 28:16, Зак. 10:4, Мат. 21:42, Марқ. 12:10, Луқ. 20:17, Аъм. 4:11, Эфс. 2:20, 1 Пет. 2:7

+ 117:26 Мат. 21:9, Мат. 23:39, Марқ. 11:9, Луқ. 13:35, Луқ. 19:38

+ 117:27 2 Подш. 21:17, 4 Подш. 8:20, Заб. 17:29

+ 117:29 Заб. 105:1

+ 118:1 Заб. 100:2, Заб. 100:6

+ 118:3 1 Юҳ. 3:9, 1 Юҳ. 5:18

+ 118:6 Заб. 118:80

+ 118:8 Заб. 37:22

+ 118:9 Айюб 13:26, Заб. 24:7, Ирм. 3:25

+ 118:10 2 Вак. 15:2

+ 118:11 Айюб 23:12, Заб. 36:3, Заб. 39:9

+ 118:12 Заб. 26:11

+ 118:13 Так. Шар. 6:7

+ 118:14 Мас. 3:14-15

+ 118:15 Заб. 24:4

+ 118:19 1 Вақ. 29:15, Заб. 38:13

+ 118:20 Заб. 41:2

+ 118:21 Так. Шар. 27:26, Ирм. 11:3

+ 118:23 Заб. 118:161, Дон. 6:4, Дон. 6:10

+ 118:28 Заб. 21:15

+ 118:34 Заб. 118:69

+ 118:36 Мас. 23:4

+ 118:42 Мас. 27:11

+ 118:46 Мат. 10:18, Аъм. 26:1

+ 118:47 Заб. 1:2

+ 118:51 Ирм. 20:7, Нав. 3:14

+ 118:53 Наҳ. 13:25

+ 118:54 1 Вақ. 29:15, Заб. 38:13

+ 118:57 Заб. 15:5

+ 118:61 Айюб 18:8-10, Заб. 139:6, Ирм. 18:22

+ 118:62 Заб. 41:9, Аъм. 16:25

+ 118:64 Заб. 32:5

+ 118:68 Заб. 105:1, Марқ. 10:18

+ 118:69 Заб. 118:34

+ 118:70 Заб. 16:10

+ 118:71 Рум. 8:28

+ 118:72 Заб. 18:11

+ 118:73 Айюб 10:8, Айюб 31:15

+ 118:74 Заб. 106:42

+ 118:80 Заб. 118:6

+ 118:82 Заб. 68:4, Нав. 4:17

+ 118:84 Ваҳй 6:10

+ 118:85 Заб. 7:16, Ирм. 18:20

+ 118:89 Иш. 40:8

+ 118:90 Заб. 103:5, Воиз 1:4

+ 118:91 Ирм. 33:25

+ 118:98 Так. Шар. 4:6

+ 118:100 Айюб 32:7-9

+ 118:101 Мас. 1:15

+ 118:103 Заб. 18:10, Ваҳй 10:9-10

+ 118:105 Мас. 6:23, 2 Пет. 1:19

+ 118:106 Наҳ. 10:29

+ 118:110 Айюб 18:8-10, Заб. 139:6, Ирм. 18:22

+ 118:111 Так. Шар. 33:4, Ирм. 15:16

+ 118:114 Заб. 31:7, Ҳас. 15:1

+ 118:115 Айюб 21:16, Заб. 6:9, Мат. 7:23

+ 118:120 Айюб 4:14

+ 118:122 Айюб 17:3

+ 118:123 Заб. 118:82, Нав. 4:17

+ 118:127 Заб. 18:11, Мас. 8:10

+ 118:130 Заб. 18:8

+ 118:131 Айюб 29:23

+ 118:135 Ад. 6:25

+ 118:136 Ирм. 9:1, Ҳиз. 9:4

+ 118:140 Заб. 11:7, Заб. 17:31, Мас. 30:5

+ 118:142 Заб. 18:10

+ 118:147 Заб. 5:5

+ 118:151 Так. Шар. 4:7, Заб. 144:18

+ 118:154 Нав. 3:58

+ 118:156 2 Подш. 24:14

+ 118:157 Заб. 3:2

+ 118:158 Заб. 138:20

+ 118:160 Юҳ. 17:17

+ 118:161 1 Подш. 26:18, Заб. 118:23

+ 118:162 1 Подш. 30:20, Ирм. 15:16

+ 118:166 Ҳас. 49:18

+ 118:168 Айюб 23:10, Заб. 138:3, Мас. 5:21, Ибр. 4:13

+ 118:176 Иш. 53:6, Ирм. 50:6, 1 Пет. 2:25

+ 119:2 Мас. 6:17

+ 119:4 Заб. 139:11, Мас. 25:22

+ 119:5 Ҳас. 10:2, Ҳиз. 27:13, Сур. Сур. 1:5, Ирм. 49:28-29

+ 120:1 Заб. 119:1

+ 120:2 Заб. 123:8

+ 120:3 Мас. 3:23, Мас. 3:26

+ 120:5 Заб. 90:1

+ 120:8 Ад. 6:24, Так. Шар. 28:6

+ 121:1 Заб. 119:1, Иш. 2:3, Зак. 8:21

+ 121:4 Так. Шар. 16:16, Заб. 119:1

+ 121:5 3 Подш. 7:7, 2 Вак. 19:8

+ 121:6 Ирм. 31:23

+ 121:9 Наҳ. 2:10, Эст. 10:3

+ 122:1 Заб. 119:1, Заб. 10:4, 2 Вак. 20:12, Заб. 24:15

+ 122:3 Наҳ. 4:4

+ 122:4 Ирм. 20:7, Нав. 3:14

+ 123:1 Заб. 119:1, Заб. 128:1, Заб. 93:17

+ 123:3 Ад. 16:30-33, Заб. 54:16, Мас. 1:12

+ 123:4 Айюб 22:11, Заб. 68:3

+ 123:7 Заб. 90:3

+ 123:8 Заб. 120:2

+ 124:1 Заб. 119:1

+ 124:5 Мас. 2:15, Заб. 127:5, Ғал. 6:16

+ 125:1 Заб. 119:1

+ 125:2 Айюб 8:21

+ 125:3 Юил 2:21

+ 125:6 Заб. 29:6

+ 126:1 Заб. 119:1, Заб. 71:1

+ 126:2 Воиз 8:16, Ҳас. 3:17

+ 126:3 Ҳас. 33:5

+ 127:1 Заб. 119:1, Заб. 111:1

+ 127:2 Заб. 89:17

+ 127:3 Заб. 143:12

+ 127:5 Заб. 19:3, Заб. 133:3

+ 127:6 Заб. 124:5, Ғал. 6:16

+ 128:1 Заб. 119:1, Заб. 128:1

+ 128:3 Мик. 3:12

+ 128:5 Заб. 34:4

+ 128:6 4 Подш. 19:26, Айюб 8:12

+ 128:8 Рут 2:4, Заб. 117:26

+ 129:1 Заб. 119:1, Нав. 3:55

+ 129:2 Наҳ. 1:6, Наҳ. 1:11, 2 Вак. 6:40

+ 129:4 Айюб 37:24, Иш. 55:7

+ 129:7 Заб. 130:3

+ 129:8 Заб. 24:22

+ 130:1 Заб. 119:1

+ 130:3 Заб. 129:7

+ 131:1 Заб. 119:1

+ 131:3 1 Вақ. 22:7, Аъм. 7:46

+ 131:7 Заб. 98:5

+ 131:8 Заб. 77:61, 2 Вак. 6:41

+ 131:9 Айюб 29:14

+ 131:10 2 Вак. 6:42

+ 131:11 Заб. 88:34-35, Заб. 109:4, 2 Подш. 7:12

+ 131:12 3 Подш. 8:25

+ 131:13 Хур. 19:18, Заб. 67:17, Заб. 77:68

+ 131:15 Заб. 147:3, Рут 1:6

+ 131:17 2 Подш. 21:17, 4 Подш. 8:20, Заб. 17:29

+ 132:1 Заб. 119:1, Ҳас. 13:8

+ 132:2 Хур. 29:7, Иб. 8:12

+ 132:3 Так. Шар. 3:9, Иб. 25:21, Так. Шар. 28:8

+ 133:1 Заб. 119:1, 1 Вақ. 9:33

+ 133:2 Заб. 27:2

+ 133:3 Ад. 6:24, Заб. 19:3, Заб. 127:5

+ 134:2 Заб. 91:14

+ 134:4 Хур. 19:5, Так. Шар. 7:6

+ 134:5 2 Вақ. 2:5, Заб. 85:8, Заб. 94:3

+ 134:6 Заб. 113:11

+ 134:7 Айюб 38:22, Ирм. 10:13, Ирм. 51:16

+ 134:8 Хур. 12:29, Заб. 77:51

+ 134:9 Так. Шар. 6:22

+ 134:10 Заб. 135:17-20

+ 134:11 Ад. 21:21-35, Еҳ. 12:7-24

+ 134:12 Так. Шар. 29:8, Еҳ. 23:4, Заб. 77:55

+ 134:13 Заб. 101:13

+ 134:14 Так. Шар. 32:36

+ 134:15 Заб. 113:12-16

+ 134:16 Так. Шар. 4:28

+ 134:17 Ирм. 10:14, Ҳаб. 2:19

+ 134:18 Иш. 44:9

+ 134:20 Заб. 21:24

+ 134:21 Заб. 131:13

+ 135:1 Заб. 105:1

+ 135:2 Так. Шар. 10:17

+ 135:4 Заб. 71:18

+ 135:5 Мас. 3:19, Ирм. 10:12

+ 135:6 Иш. 44:24

+ 135:7 Ҳас. 1:16-18

+ 135:10 Хур. 12:29, Заб. 77:51

+ 135:11 Хур. 12:51

+ 135:13 Хур. 14:21-22, Заб. 77:13

+ 135:15 Хур. 14:27

+ 135:16 Хур. 15:22

+ 135:17 Заб. 134:10-12

+ 135:19 Ад. 21:21-26

+ 135:20 Ад. 21:33-35

+ 135:24 Заб. 105:10

+ 135:25 Заб. 103:27

+ 136:1 Ҳиз. 1:1, Ҳиз. 3:15, Ҳиз. 10:15

+ 136:5 Дон. 6:10

+ 136:6 Айюб 29:10, Ҳиз. 3:26

+ 136:7 Иш. 34:5, Ирм. 49:7-22, Ҳиз. 25:12-14, Ҳиз. 35, Ом. 1:11-12, Уб. 1:1-16, Мал. 1:3-4

+ 136:8 Иш. 21:9, Иш. 47:1, Ирм. 50:1, Ваҳй 18:6

+ 136:9 4 Подш. 8:12, Иш. 13:16, Наҳум 3:10

+ 137:1 Заб. 110:1, 1 Подш. 5:3, 2 Вак. 2:5, Заб. 85:8

+ 137:2 Заб. 27:2

+ 137:7 Заб. 70:20

+ 137:8 Заб. 105:1

+ 138:1 Ирм. 12:3

+ 138:2 4 Подш. 19:27

+ 138:3 Айюб 23:10, Мас. 5:21, Ибр. 4:13

+ 138:6 Рум. 11:33

+ 138:7 Ирм. 23:23-24, Юн. 1:3

+ 138:8 Айюб 11:8, Айюб 26:6, Ом. 9:2

+ 138:12 Айюб 34:21-22

+ 138:13 Айюб 10:10-11

+ 138:15 Воиз 11:5

+ 138:16 Хур. 32:32, Заб. 55:9, Мал. 3:16

+ 138:17 Заб. 91:6

+ 138:19 Айюб 4:9, Иш. 11:4, 2 Тас. 2:8

+ 138:21 Заб. 25:5, Заб. 118:158

+ 138:23 Заб. 25:2

+ 139:2 Заб. 70:4

+ 139:4 Заб. 57:5-6, Рум. 3:13

+ 139:5 Заб. 140:9

+ 139:6 Айюб 18:8-10, Ирм. 18:22

+ 139:11 Заб. 10:6, Заб. 119:4, Мас. 25:22

+ 139:13 Заб. 9:5

+ 140:2 Хур. 30:7, Ваҳй 5:8, Ваҳй 8:3-4, Хур. 29:41

+ 140:3 Заб. 33:13, Мас. 13:3, Воиз 12:4

+ 140:5 Мас. 25:12, Мас. 27:6

+ 140:6 2 Вак. 25:12

+ 140:7 Иш. 5:14

+ 140:8 2 Вак. 20:12, Заб. 24:15, Заб. 122:1-2

+ 140:9 Заб. 139:5

+ 140:10 Заб. 7:16

+ 141:1 1 Подш. 22:1, 1 Подш. 24:3, Заб. 56:1

+ 141:2 Заб. 101:1

+ 141:3 Заб. 142:4, Заб. 139:6

+ 141:5 Заб. 26:13

+ 141:6 Заб. 17:18

+ 141:7 Иш. 42:7

+ 142:2 Айюб 4:17, Айюб 9:2, Воиз 7:20, Рум. 3:20, Ғал. 2:16

+ 142:3 Заб. 87:7, Нав. 3:6

+ 142:5 Так. Шар. 32:7, Заб. 76:6

+ 142:6 Заб. 41:2, Заб. 62:2

+ 142:7 Заб. 27:1, Мас. 1:12

+ 142:8 Заб. 24:1

+ 142:10 Наҳ. 9:20

+ 142:11 Ирм. 14:17

+ 142:12 Заб. 53:7

+ 143:1 Заб. 17:3, Заб. 17:35

+ 143:2 Ҳас. 15:1, Заб. 17:3

+ 143:3 Айюб 7:17, Заб. 8:5

+ 143:4 Айюб 7:16, Заб. 38:6-7, Заб. 61:10, Воиз 1:2, 1 Вақ. 29:15, Айюб 14:2, Заб. 101:12

+ 143:5 2 Подш. 22:10, Заб. 17:10, Иш. 64:1, Заб. 103:32

+ 143:6 Заб. 76:18

+ 143:7 Заб. 68:15

+ 143:8 Заб. 11:3

+ 143:9 Заб. 32:3, Иш. 42:10

+ 143:10 Заб. 17:51

+ 143:12 Заб. 127:3

+ 143:14 Иш. 3:26, Ирм. 14:2

+ 143:15 Заб. 32:12

+ 144:3 2 Подш. 22:4, Заб. 17:4, Заб. 47:2, Айюб 5:9, Айюб 9:10

+ 144:6 Заб. 77:4

+ 144:8 Хур. 34:6, Заб. 85:5

+ 144:13 Заб. 9:37, Заб. 101:13, Нав. 5:19

+ 144:14 Заб. 145:8, Луқ. 13:11-13

+ 144:15 Заб. 103:27

+ 144:16 Заб. 103:14, Заб. 103:28

+ 144:18 Так. Шар. 4:7

+ 144:19 Мас. 10:24

+ 145:1 Заб. 102:1, Заб. 103:1

+ 145:2 Заб. 103:33

+ 145:3 Заб. 117:8, Ирм. 17:5

+ 145:4 Заб. 103:29, Иш. 2:22

+ 145:7 Заб. 102:6, Заб. 106:9, Иш. 61:1

+ 145:8 Мат. 9:28-30, Заб. 144:14, Луқ. 13:11-13

+ 145:9 Хур. 22:21, Так. Шар. 10:18

+ 145:10 Хур. 15:18, Заб. 9:35

+ 146:1 Заб. 91:2

+ 146:2 Заб. 50:20, Заб. 68:36, Так. Шар. 30:3, Ирм. 32:37, Ҳиз. 34:13

+ 146:3 Так. Шар. 32:39

+ 146:4 Иш. 40:26

+ 146:5 Иш. 40:28

+ 146:7 1 Вақ. 15:16

+ 146:8 Так. Шар. 11:14, Айюб 5:10

+ 146:9 Айюб 38:41

+ 146:10 Заб. 32:17

+ 146:11 Заб. 32:18

+ 147:2 Наҳ. 7:3

+ 147:3 Заб. 131:15

+ 147:5 Айюб 37:6, Айюб 38:29

+ 147:9 Так. Шар. 7:6, Ом. 3:2, Так. Шар. 4:8

+ 148:1 Мат. 21:9, Луқ. 2:14, Луқ. 19:38

+ 148:2 Заб. 102:20

+ 148:4 Так. Шар. 10:14, Ҳас. 1:7

+ 148:5 Заб. 32:6, Ибр. 11:3

+ 148:6 Айюб 14:15, Заб. 103:9

+ 148:7 Ҳас. 1:21

+ 148:8 Айюб 37:6

+ 148:13 Заб. 8:2-3, Заб. 112:4

+ 149:1 Заб. 32:3, Иш. 42:10, Заб. 110:1

+ 149:5 Заб. 62:7

+ 149:9 Иш. 65:6

+ 150:1 1 Вақ. 15:16, 2 Вақ. 5:12, Ҳас. 1:6-8

+ 150:3 Заб. 97:6, Заб. 32:2, Заб. 70:22

+ 150:4 Хур. 15:20

+ 150:5 1 Вақ. 15:19

*КИТОБИ*

# МАСАЛҲОИ СУЛАЙМОН


| | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 | 7 | 8 | 9 | 10 |
| 11 | 12 | 13 | 14 | 15 | 16 | 17 | 18 | 19 | 20 |
| 21 | 22 | 23 | 24 | 25 | 26 | 27 | 28 | 29 | 30 |
| 31 | | | | | | | | | |

## Насиҳат ба ҷавонон. Таҳдид ба беитоатон.

1 Масалҳои Сулаймон, ибни Довуд, подшоҳи Исроил,+
2 Барои донистани ҳикмат ва насиҳат,
барои фаҳмидани суханони хирад,
3 Ва омӯхтани хулқу адаб,
адолат, инсоф ва ҳаққоният,+
4 То ки ба соддадилон зиракӣ бахшанд,
ба ҷавонон — дониш ва фаросат;+
5 Хирадманд бишнавад, ва донишаш биафзояд; ва оқил тадбирсоз гардад,
6 То ки масал ва гуфтори кинояомезро,
суханони хирадмандон ва муаммоҳои онҳоро дарк намояд.
7 Худотарсӣ ибтидои дониш аст;
беақлон аз ҳикмат ва насиҳат нафрат доранд+.
8 Эй писарам! Насиҳати падари худро бишнав,
ва таълими модари худро рад накун,+
9 Чунки ин — тоҷи латофат аст бар сари ту ва тавқҳо бар гардани ту+.
10 Эй писарам! Агар гуноҳкорон туро иғво кунанд,
ба онҳо таслим нашав;+
11 Агар гӯянд: «Бо мо биё,
то ки барои рехтани хун камин гирем,
аз паи бегуноҳе ки беайб бошад, бипоем;+
12 Онҳоро зинда ба зинда, мисли касоне ки дар гӯр
ва ба сояи дӯзах фурӯ меравaнд;
ба коми худ бикашем;+
13 Ҳар навъ молу мулки гаронбаҳо ба даст меоварем,
хонаҳои худро аз ғанимат пур мекунем;
14 Бо мо ҳамдасту шарик бош,
ва ҳамаи моро як ҳамьён хоҳад буд», —
15 Эй писарам! Бо онҳо дар як роҳ равона нашав,
ва пои худро аз тариқи онҳо нигоҳ дор,+
16 Чунки пойҳои онҳо сӯи бадӣ медавад
ва барои хунрезӣ мешитобад+.
17 Дар назари ҳамаи болдорон дом
бар абас ниҳода шудааст,

18 Валекин онҳо барои рехтани хуни худ камин мегиранд
ва аз паи ҷонҳои худ мепоянд.
19 Чунин аст тариқи ҳар касе ки ба чизи дигарон тамаъ кунад:
он чиз ҷони тасарруфкунандаи худро мегирад+.
20 Ҳикмат дар кӯча нидо мекунад,
дар майдонҳо овози худро мебарорад,+
21 Дар сари гузарҳо даъват менамояд,
дар даҳани дарвозаҳо ва дар шаҳр суханонашро мегӯяд:
22 «Эй соддадилон! То ба кай соддагиро дӯст хоҳед дошт?
То ба кай масхарабозон аз масхарабозӣ лаззат хоҳанд бурд?
Ва аблаҳон ба дониш адоват хоҳанд дошт+?
23 Ба мазамматти ман руҷӯъ кунед!
Инак, рӯҳи худро ба шумо ифода менамоям,
суханонамро ба шумо баён мекунам.
24 Ман даъват намудам, ва шумо эътино накардед,
дастамро дароз кардам, ва касе таваҷҷӯҳ накард+.
25 Чун ҳамаи машваратҳои маро рад кардед,
ва мазамматти маро қабул накардед,+
26 Ман низ дар вақти мусибати шумо хоҳам хандид,
ва ҳангоме ки тарсу бим бар шумо биёяд, истеҳзо хоҳам кард, —+
27 Ҳангоме ки тарсу бим бар шумо мисли тундбод биёяд,
ва мусибат шуморо мисли гирдбод фаро гирад,
ҳангоме ки андӯҳ ва тангӣ бар шумо биёяд.
28 Он гоҳ маро хоҳанд хонд, ва ман иҷобат нахоҳам кард;
аз субҳидам маро ҷустуҷӯ хоҳанд кард, ва маро нахоҳанд ёфт+.
29 Азбаски онҳо ба дониш адоват доштанд
ва худотарсиро интихоб накарданд,
30 Машварати маро напазируфтанд,
аз ҳамаи мазамматҳои ман нафрат карданд, —
31 Бинобар ин аз меваи рафтори худ хоҳанд хӯрд
ва аз дасисаҳои худ сер хоҳанд шуд,+
32 Чунки каҷравии соддадилон онҳоро хоҳад кушт,
ва худписандии аблаҳон онҳоро ба ҳалокат хоҳад расонд.
33 Валекин ҳар кӣ маро бишнавад, дар амният сукунат хоҳад дошт
ва аз бими шарорат эмин хоҳад буд».

## Давоми насиҳат.

[1] Эй писарам! Агар гуфтаҳои маро бипазирӣ
ва аҳкоми маро дар худ маҳфуз дорӣ,+
[2] Ба тавре ки гӯши худро ба шунидани ҳикмат роғиб
ва дили худро ба хирад моил гардонӣ;
[3] Агар донишро даъват намоӣ
ва овози худро сӯи хирад баланд кунӣ;
[4] Агар онро мисли нуқра орзу кунӣ
ва мисли ганҷҳо ҷустуҷӯ намоӣ, —+
[5] Он гоҳ худотарсиро хоҳӣ фаҳмид
ва дониши Худоро хоҳӣ ёфт,+
[6] Зеро ки Худованд ҳикмат мебахшад:
дониш ва хирад аз даҳони Ӯст;+
[7] Барои росткорон зеҳнро маҳфуз медорад;
барои ростравон сипар аст,+
[8] То ки роҳҳои адолатро риоя кунанд.
Ва Ӯ тариқи порсоёни Худро нигаҳбонӣ менамояд+.
[9] Он гоҳ адолат ва инсоф
ва ҳаққонияти ҳар тариқи некро хоҳӣ фаҳмид,+
[10] Зеро ки ҳикмат дар дили ту дохил хоҳад шуд,
ва дониш ба ҷони ту писанд хоҳад омад,
[11] Фаросат туро нигаҳбонӣ хоҳад намуд,
хирад туро муҳофизат хоҳад кард,
[12] То ки туро аз роҳи бад халос кунад,
аз касе ки каҷгуфтор аст,
[13] Аз онҳое ки тариқҳои ростро тарк мекунанд,
то ки бо роҳҳои торикӣ равона шаванд,
[14] Аз онҳое ки аз кирдори бад хурсанд мешаванд,
аз рафтори бад ба ваҷд меоянд,+
[15] Ки тариқҳои онҳо каҷу килеб аст,
ва онҳо дар роҳҳои худ каҷравӣ мекунанд+.
[16] То ки туро аз зани ғайр халос кунад,
аз зани зинокоре ки гуфтори худро нарм мекунад,+
[17] Ки вай ёри ҷавонии худро тарк кардааст,
ва аҳди Худои худро аз хотир баровардааст;

[18] Хонаи вай сӯи мамот мебарад,
ва роҳҳои вай — сӯи мурдагон;+
[19] Ҳар кӣ назди вай биёяд, бозгашт нахоҳад кард,
ва ба роҳҳои ҳаёт дохил нахоҳад шуд.
[20] Беҳтар аст, ки бо роҳи некон равона шавӣ,
ва тариқҳои одилонро пайравӣ намоӣ,
[21] Зеро ки росткорон сокини замин хоҳанд буд,
ва беайбон бар он боқӣ хоҳанд монд,+
[22] Валекин шарирон аз замин маҳв хоҳанд шуд,
ва хоинон аз он решакан хоҳанд гардид+.

## Давоми ҳамон насиҳат.

## Некӯӣ ба тарсгорони Худо ва ба хирадмандон.

1 Эй писарам! Таълими маро фаромӯш накун,
ва бигзор дили ту аҳкоми маро маҳфуз дорад,+
2 Зеро ки дарозии айём ва солҳои ҳаёт
ва осоиштагиро барои ту афзун хоҳанд кард+.
3 Бигзор эҳсон ва ростӣ туро тарк накунанд:
онҳоро бар гардани худ бибанд,
ва бар лавҳи дили худ бинавис,+
4 Ва дар назари Худо ва одамон таваҷҷӯҳ
ва шиносоии нек пайдо хоҳӣ кард.
5 Бо тамоми дили худ ба Худованд таваккал намо,
ва ба хиради худ такья накун+.
6 Дар ҳамаи тариқҳои худ Ӯро дарк намо,
ва Ӯ роҳҳои туро ҳамвор хоҳад кард+.
7 Дар назари худат хирадманд набош,
аз Худованд битарс, ва аз бадӣ дур шав:+
8 Ин барои нофи ту офият
ва барои устухонҳои ту илик хоҳад шуд.
9 Аз дороии худ ва аз гузини тамоми ҳосилоти худ Худовандро ҷалол деҳ,+
10 Ва анборҳои ту то ба ҳадди фаровонӣ пур хоҳад шуд,
ва чархуштҳои ту аз шираи ангур лабрез хоҳад гардид+.
11 Эй писарам! Ҷазои Худовандро рад накун,
ва аз мазаммати Ӯ дилгир нашав,+
12 Зеро ки Худованд ҳар киро дӯст дорад, варо мазаммат мекунад,
ва ба вай, монанди падар ба писараш, таваҷҷӯҳ менамояд+.
13 Хушо касе ки ҳикмат пайдо кардааст,
ва касе ки ба хирад ноил шудааст!
14 Зеро ки фоидаи он аз фоидаи нуқра,
ва ҳосили он аз зари холис беҳтар аст+.
15 Он аз ҷавоҳир азизтар аст,
ва ҳеҷ чизи дилхоҳи ту ба он баробар нест+.
16 Дар ямини он дарозии айём аст,

ва дар дасти чапи он — сарват ва ҷалол+.
17 Роҳҳои он роҳҳои хуш аст,
ва ҳамаи тариқҳои он — осоиштагӣ.
18 Барои касоне ки онро нигоҳ медоранд, нахли ҳаёт аст, —
ва хушо касе ки онро маҳфуз медорад!+
19 Худованд заминро бо ҳикмат буньёд кард,
осмонро бо хирад барқарор намуд+.
20 Бо ҳикмати Ӯ вартаҳо шикофта шуд,
ва абрҳо шабнамро мебоdoes+.
21 Эй писарам! Ин чизҳо аз назарат дур нашавад;
зеҳн ва фаросатро нигоҳдорӣ намо, —
22 Ва онҳо барои ҷони ту ҳаёт
ва барои гардани ту зевар хоҳанд буд.
23 Он гоҳ дар роҳи худ бо амният қадамгузор хоҳӣ шуд,
ва пои ту нахоҳад лағжид+.
24 Вақте ки хоб равӣ, нахоҳӣ тарсид;
ва чун хобат барад, хоби ту ширин хоҳад буд+.
25 Аз ваҳми ногаҳонӣ нахоҳӣ тарсид,
ва аз ситами шарирон, вақте ки падид ояд,+
26 Зеро ки Худованд умедбахши ту хоҳад буд,
ва пои туро аз дом нигоҳ хоҳад дошт.
27 Аз некӣ кардан ба мӯҳтоҷе даст накаш,
вақте ки кардани он аз дастат ояд+.
28 Ба ёри худ нагӯй: «Бирав ва бозгард,
ва фардо хоҳам дод»,
вақте ки дар пеши худ дошта бошӣ+.
29 Дар ҳаққи ёри худ андешаи бад накун,
вақте ки вай пеши ту бо эътимод нишаста бошад.
30 Бо касе бе сабаб муноқиша накун,
вақте ки вай ба ту бадӣ накарда бошад.
31 Аз шахси золим ҳасад набар,
ва аз роҳҳои вай ҳеҷ якеро интихоб накун,+
32 Зеро ки каҷкор назди Худованд зишт аст,
аммо бо росткорон Ӯ маҳрами асрор аст.
33 Лаънати Худованд бар хонаи шарир аст,
вале маскани одилонро Ӯ баракат медиҳад+.

34 Масхарабозонро Ӯ албатта тамасхур мекунад,
лекин ба фурӯтанон файз мебахшад+.
35 Хирадмандон ворист ҷалол мешаванд,
вале аблаҳон ба худ нанг меоваранд.

## Давоми он. Панди падарона.

[1] Эй писарон! Насиҳати падарро бишнавед,
ва диққат намоед, то ки хирад биомӯзед,+
[2] Зеро ки ба шумо сабақи некӯ медиҳам;
таълими маро тарк накунед.
[3] Вақте ки ман дар хонаи падари худ писар будам,
ва пеши модари худ азиз ва ягона,
[4] Ӯ маро таълим медод, ва ба ман мегуфт:
«Бигзор дили ту суханони маро маҳфуз дорад;
Аҳкоми маро нигоҳ дор, ва зиндагӣ бикун+.
[5] Ҳикмат ба даст овар, хирад ба даст овар;
инро фаромӯш накун, ва аз гуфтаҳои даҳони ман сар напеч.
[6] Онро тарк накун, ва он туро ҳифз хоҳад кард;
онро дӯст дор, ва он туро нигаҳбонӣ хоҳад намуд.
[7] Ибтидои ҳама чиз ҳикмат аст, пас ҳикмат ба даст овар,
ва бо тамоми дороии худ хирад ба даст овар.
[8] Онро қадрдонӣ намо, ва он туро баланд хоҳад бардошт;
агар онро дар оғӯш кашӣ, он туро ҷалол хоҳад дод,+
[9] Бар сарат тоҷи латофат хоҳад гузошт,
ва афсари шавкат ба ту ато хоҳад кард»+.
[10] Эй писарам! Бишнав, ва суханони маро қабул намо, —
ва солҳои умри ту афзун хоҳад шуд+.
[11] Тариқи ҳикматро ба ту меомӯзам,
ба роҳҳои ростӣ туро ҳидоят менамоям.
[12] Ҳангоме ки роҳ равӣ, қадамҳоят танг нахоҳад шуд,
ва ҳангоме ки бидавӣ, пешпо нахоҳӣ хӯрд+.
[13] Насиҳатро нигоҳ дор, тарк накун;
онро маҳфуз дор, зеро ки он ҳаёти туст+.
[14] Ба роҳи шарирон дохил нашав,
ва дар тариқи бадкешон қадам нагузор+.
[15] Онро рад намо, дар он қадамгузор нашав;
аз он канорагирӣ намуда, гузашта рав,
[16] Чунки, агар бадӣ накунанд, хобашон намебарад,
ва агар касеро пешпо надиҳанд, хобашон мегурезад,+
[17] Зеро ки нони шароратро мехӯранд

ва шароби зулмро менӯшанд.
18 Вале тариқи одилон мисли нури саҳар аст,
ки то нимирӯзӣ торафт бештар медурахшад+.
19 Роҳи шарирон мисли зулмот аст:
намедонанд, ки ба чӣ пешпо мехӯранд+.
20 Эй писарам! Ба суханони ман диққат намо,
ба гуфтаҳои ман гӯши худро бикшо.
21 Онҳо аз назарат дур нашавад;
онҳоро андаруни дили худ маҳфуз дор,
22 Зеро, ҳар кӣ онҳоро биёбад, барои вай онҳо ҳаёт аст,
ва барои тамоми ҷисми вай офият аст+.
23 Бештар аз ҳар чизи ҳифзталаб дили худро маҳфуз дор,
зеро ки зуҳуроти ҳаёт аз он аст.
24 Кизбро аз даҳони худ рад намо,
ва маломатро аз лабҳои худ дур соз+.
25 Бигзор чашмони ту рост бингарад,
ва мижгони ту ба самти рӯ ба рӯ равона бошад.
26 Барои пойҳои худ роҳро ҳамвор намо,
то ки ҳамаи тариқҳои ту рост бошад+.
27 Ба тарафи рост ва чап моил нашав;
пои худро аз бадӣ дур соз+.

## Давоми он. Огоҳӣ аз фиску фуҷур.

[1] Эй писарам! Ба ҳикмати ман диққат намо,
ба хиради ман гӯши худро бикшо,+
[2] То ки фаросатро маҳфуз дорӣ,
ва лабҳои ту донишро риоя намояд,+
[3] Зеро ки лабҳои зани зинокор асал мерезад,
ва гуфтори вай аз равған нармтар аст,+
[4] Вале оқибати он мисли явшон талх аст,
мисли шамшери дудама тез аст;+
[5] Пойҳои вай сӯи мамот равон аст;
қадамҳои вай ба дӯзах мебарад,+
[6] Бе он ки тариқи ҳаёт барояш ҳамвор шавад;
роҳҳои вай вайрона аст, ба тавре ки худаш намедонад.
[7] Ва акнун, эй писарон, маро бишнавед,
ва аз гуфтаҳои даҳони ман дур нашавед.
[8] Роҳи худро аз вай дур соз,
ва ба дари хонаи вай наздик нашав:
[9] Мабодо таровати худро ба дигарон бидиҳӣ,
ва солҳои худро ба ситамгар;
[10] Мабодо бегонагон аз қуввати ту сер шаванд,
ва маҳсули ранҷи ту дар хонаи ғайр бимонад.
[11] Ва дар охири умри худ фиғон хоҳӣ бардошт,
вақте ки ҷисму андомат барбод равад, —
[12] Ва хоҳӣ гуфт: «Чаро аз насиҳат нафрат кардам,
ва дилам ба мазаммат беэътиноӣ намуд,
[13] Ва овози устодони худро нашунидам,
ва ба муаллимони худ гӯш надодам?
[14] Кам монда буд, ки дар миёни мардум
ва ҷамоат ба ҳар бало гирифтор шавам!»
[15] Обро аз чуқурии худ бинӯш,
оберо, ки аз чоҳи худат ҷорист+.
[16] Чашмаҳоят фаро рехта, берун хоҳанд рафт,
ба сони ҷӯйҳои об дар кӯчаҳо;
[17] Онҳо танҳо ба ту тааллуқ хоҳанд дошт,
ва на ба бегонагон бо ту.

[18] Чашмаи ту муборак хоҳад буд;
ва аз зани ҷавонии худ шод бош,+
[19] Ки мисли ғизоли шаҳватангез ва оҳуи меҳрафрӯз аст;
пистонҳои вай ҳамеша ба ту лаззат хоҳад бахшид;
доимо саргарми муҳаббати вай хоҳӣ буд.
[20] Пас чаро, эй писарам, сармасти зани ғайр гардӣ?
Ва синаи зани зинокорро дар оғӯш гирӣ?
[21] Зеро ки роҳҳои одамизод дар пеши назари Худованд аст,
ва Ӯ ҳамаи тариқҳои варо месанҷад+.
[22] Шарирро гуноҳҳои худаш ба дом меоварад,
ва бо камандҳои хатои худаш вай баста мешавад.
[23] Вай аз боиси беадабӣ мемирад,
ва аз бисьёрии аблаҳии худ нобуд мешавад.

## Давоми он. Огоҳӣ аз коҳилӣ, бадӣ, зинокорӣ.

1 Эй писарам! Агар ба ёри худ зомин шуда,
барои одами бегона дасти паймон дода бошӣ,+
2 Ва бо гуфтаҳои даҳони худ ба дом афтода,
ба бало монда бошӣ,
3 Пас, эй писарам, чунин бикун ва худро халосӣ деҳ,
зеро ки ба дасти ёри худ афтодаӣ:
рафта, гардан фурор ва аз ёри худ зорию илтиҷо намо;
4 Хобро ба чашмони худ роҳ надеҳ,
ва ғанаброро ба мижгони худ;
5 Худро мисли гавазне аз дасти сайёд
ва мисли мурғе аз дасти домгузор халосӣ деҳ+.
6 Эй коҳил! Назди мӯрча бирав,
рафтори онро бингар ва ҳикмат биомӯз,+
7 Ки вай қозӣ, мулозим ва ҳоким надорад,
8 Лекин хӯроки худро тобистон тайёр мекунад,
ғизои худро дар мавсими дарав захира менамояд+.
9 То ба кай, эй коҳил, хоб меравӣ?
Аз хоби худ кай мехезӣ+?
10 «Андак хоб, андак ғанаб,
андак даст дар бағал хобидан».
11 Вале бенавоии ту мисли роҳзан хоҳад омад,
ва мӯҳтоҷии ту — монанди шахси яроқнок+.
12 Одами сафил, шахси талбискор
бо каҷии даҳон рафтор мекунад,+
13 Чашмакӣ мезанад, бо пойҳои худ сухан меронад,
бо ангуштҳои худ имо мекунад;+
14 Дасисаҳо дар дили ӯст;
ҳамеша андешаи бад мекунад, ситезаҳо меангезад;
15 Бинобар ин ногаҳон ҳалокати ӯ хоҳад омад,
нохост ӯ ба шикаст дучор хоҳад шуд, ва муолиҷае нахоҳад буд+.
16 Инак шаш чиз, ки Худованд аз онҳо нафрат дорад,
ва чизи ҳафтум, ки асли моҳияти он назди Ӯ зишт аст:+
17 Чашмони ҳавобаландона, забони дурӯғгӯй
ва дастҳое ки хуни бегуноҳро мерезад,+

18 Диле ки қасдҳои бадро мепарварад,
пойҳое ки сӯи бадӣ мешитобад,+
19 Шоҳиди козибе ки суханони дурӯғ мебофад
ва шахсе ки дар миёни бародарон ситезаҳо меангезад+.
20 Эй писарам! Ҳукми падаратро риоя намо,
ва таълими модаратро рад накун;+
21 Онҳоро бар дили худ ба таври доимӣ бибанд,
бар гардани худ онҳоро овезон бикун+.
22 Вақте ки роҳ равӣ, ба ту роҳнамоӣ хоҳад кард;
вақте ки хоб равӣ, туро нигаҳбонӣ хоҳад кард;
вақте ки бедор шавӣ, бо ту мусоҳиба хоҳад кард,
23 Зеро ки ҳукм чароғ аст, ва таълим нур аст,
ва насоеҳи адабомӯз роҳи ҳаёт аст,+
24 То ки туро аз зани бадрафтор,
аз нармзабонии зани зинокор нигоҳ дорад+.
25 Зебоии варо дар дили худ тамаъ накун,
ва туро вай бо пилкҳои худ ҷалб накунад,+
26 Чунки аз дасти зани зинокор кас мӯҳтоҷи як лаб нон мешавад,
ва зани шавҳардор ҷони азизеро ба дом меоварад.
27 Оё мумкин аст, ки касе оташро дар бағали худ бигирад,
ва либосҳояш насӯзад?
28 Ё ки касе бар оташпораҳо роҳ равад,
ва пойҳояш насӯзад?
29 Чунин аст ҳоли касе ки назди зани ёри худ биёяд:
ҳар кӣ ба вай даст расонад, пок нахоҳад монд.
30 Дуздро афв мекунанд, агар ӯ дуздӣ кунад,
то ки ҷони худро сер кунад, вақте ки гурусна монда бошад;
31 Вале ҳангоме ки вай дастгир мешавад, ҳафт чандон адо хоҳад кард:
оре, тамоми бисоти хонаи худро хоҳад дод+.
32 Касе ки бо зане зино кунад, беақл аст:
нобудкунандаи ҷони худ чунин амал мекунад+.
33 Ӯ зарбу лат ва шармандагӣ хоҳад ёфт,
ва расвоии ӯ аз миён нахоҳад рафт,
34 Чунки рашк ғазаби шавҳарро меафрӯзад,
ва дар рӯзи ниқор ӯ раҳм нахоҳад кард:+
35 Ба бадали ҳеҷ фидия ба ту рӯйбинӣ нахоҳад кард,

ва ришваро ҳар чанд бисьёр диҳӣ, розӣ нахоҳад шуд.

## Давоми он. Оқибати ғамангези ҳаёти фосиқона.

1 Эй писарам! Суханони маро риоя намо,
ва аҳкоми маро назди худ ниҳон дор+.
2 Аҳкоми маро ҳифз намо ва зиндагӣ бикун,
ва таълими маро — ҳамчун гавҳараки чашмони худ;+
3 Онҳоро бар ангуштҳои худ бибанд,
онҳоро бар лавҳи дили худ бинавис+.
4 Ба ҳикмат бигӯй: «Ту хоҳари ман ҳастӣ!»,
ва хирадро хешованди худ бихон,
5 То ки туро аз зани ғайр нигаҳбонӣ намояд,
аз зани зинокоре ки гуфтори худро нарм мекунад+.
6 Зеро ки аз тирезаи хонаи худ,
аз равзани худ назар андохтам,
7 Ва дар байни соддадилон дидам,
ҷавони беақлеро мушоҳида намудам,+
8 Ки дар бозор назди гӯшаи вай мегузашт
ва ба роҳи хонаи вай қадам мезад,
9 Дар вақти салқинии бегоҳии рӯз,
дар торикии шаб ва дар зулмот+.
10 Ва инак, зане аз пеши ӯ баромад,
бо либоси фоҳиша ва бо дили пурфиреб,+
11 Зани пуршӯр ва беҳаё,
ки пойҳои вай дар хонаи вай сокин нест:
12 Гоҳ дар берун аст, гоҳ дар кӯчаҳо,
ва назди ҳар гӯша вай камин мекунад+.
13 Ва ӯро дошту бӯса кард,
ва бо чеҳраи бешарм ба ӯ гуфт:
14 «Қурбониҳои саломатӣ бар зиммаи ман буд:
имрӯз назрҳои худро адо кардам.
15 Бинобар ин ба пешвози ту баромадам,
то ки рӯи туро пазирой намоям, ва туро ёфтам.
16 Ҷогаҳи худро бо қолинҳо оростаам,
бо сӯзаниҳои пурнақши мисрӣ.
17 Ҷойхоби худро бо мур,
уд ва дорчин муаттар кардаам+.

[18] Биё, ки мо то дами субҳ аз ишқбозӣ сер шавем,
сармасти муҳаббат гардем,
[19] Чунки шавҳар дар хона нест:
ба сафари дур рафтааст;
[20] Ҳамьёни нуқра ба дасти худ гирифтааст;
дар рӯзи моҳи пурра ба хонаи худ хоҳад баргашт».
[21] Бо чарбгӯии зиёд дили ӯро рабуд,
бо чоплусии лабҳои худ ӯро фирефта кард+.
[22] Дарҳол ӯ аз паи вай равона шуд,
мисли барзагове ки сӯи кушишхона меравад,
ва мисли аблаҳе — сӯи занҷири ҷазо,+
[23] То даме ки тир ҷигари ӯро реш кунад;
мисли мурғаке ки сӯи дом мешитобад,
ва намедонад, ки он барои ҳалокати ҷони ӯст.
[24] Пас, эй писарон, маро бишнавед,
ва ба гуфтори даҳони ман диққат намоед.
[25] Дили худро ба роҳҳои вай моил накун,
ба тариқҳои вай гумроҳ нашав,
[26] Зеро ки вай касони зиёдро ғалтонида маҷрӯҳ кардааст,
ва мақтулони вай аз ҳад афзунанд:
[27] Хонаи вай роҳҳои дӯзах аст,
ки ба таҳхонаҳои мамот фурӯд меоянд+.

## Ситоиши ҳикмат.

1 Оё ҳикмат даъват наменамояд?
Оё хирад овози худро намебарорад+?
2 Дар ҷойҳои баланди сари роҳ,
дар миёни чорроҳа меистад;
3 Дар паҳлуи дарвозаҳо, назди даромадгоҳи шаҳр,
дар остонаи дарҳо нидо мекунад:
4 «Шуморо, эй шахсон, даъват менамоям,
ва овози ман барои банӣ-одам аст.
5 Эй соддадилон! Фаросат биомӯзед,
ва эй аблаҳон, дониш биомӯзед+.
6 Бишнавед, чунки суханони муҳим мегӯям,
ва он чи аз лабҳои ман мебарояд, рост аст,
7 Зеро ки забони ман сухани ростро баён мекунад,
ва шарорат барои лабҳои ман зишт аст;
8 Ҳамаи суханони даҳони ман ҳаққонист;
дар онҳо каҷравӣ ва талбис нест;
9 Ҳамааш барои хирадманд равшан аст,
ва барои ёбандагони дониш рост аст.
10 Насиҳати маро бештар аз нуқра қабул кунед,
ва донишро беҳтар аз зари холис бидонед;+
11 Зеро ки ҳикмат беҳ аз ҷавоҳир аст,
ва ҳеҷ чизи дилхоҳ ба он баробар нест+.
12 Ман, ҳикмат, дар фаросат сокин ҳастам,
ва дониши тадбирсозро пайдо мекунам.
13 Худотарсӣ — аз бадӣ нафрат доштан аст:
аз ғурур, ва ҳавобаландӣ, ва роҳи бад,
ва даҳони каҷгуфтор нафрат дорам+.
14 Машварат ва зиракӣ дар ман аст;
ман хирад ҳастам; қувват дар ман аст+.
15 Бо ман подшоҳон салтанат меронанд,
ва мирон адлро ба сурати қонун медароваранд.
16 Бо ман сарварон, ва акобир,
ва ҳамаи доварони замин сардорӣ мекунанд.
17 Дӯстдорони худро дӯст медорам,

ва толибони ман маро хоҳанд ёфт+.
18 Сарват ва ҷалол,
ганҷи бақодор ва хайр бо ман аст+.
19 Самари ман беҳ аз тилло ва зари холис аст,
ва ҳосили ман беҳ аз нуқраи хушъиёр аст+.
20 Бо роҳи адолат,
андаруни тариқҳои инсоф меравам,
21 То ки дӯстдорони худро соҳиби сарват гардонам
ва ганҷинаҳошонро пур кунам.
22 Худованд маро ибтидои роҳи Худ сохтааст, —
пеш аз амалиёти Худ, аз қадимулайём:+
23 Аз азал тарҳ ёфтаам, —
аз ибтидо, пеш аз хилқати замин.
24 Вақте ки вартаҳо набуд, ба вуҷуд омадаам, —
вақте ки чашмаҳои пур аз об набуд.
25 Пеш аз барпо шудани кӯҳҳо,
пеш аз талҳо ба вуҷуд омадаам,+
26 Вақте ки замин ва саҳроҳо
ва аввали ғубори дуньёро Ӯ ҳанӯз наофарида буд.
27 Вақте ки Ӯ афлокро муҳайё мекард, он ҷо будам.
Вақте ки Ӯ хати уфуқро бар рӯи варта мекашид,+
28 Вақте ки абрҳоро дар боло барқарор менамуд,
вақте ки чашмаҳои вартаро мустаҳкам мекард,+
29 Вақте ки низоми баҳрро амр мефармуд,
то ки обҳо аз ҳудуди он нагузаранд,
вақте ки асосҳои заминро мегузошт, —+
30 Он вақт назди Ӯ дастпарвард будам,
ва ҳар рӯз ҳаловат мебурдам,
ва ба ҳузури Ӯ ҳамеша хушҳолӣ менамудам, —
31 Дар замини офаридаи Ӯ хушҳолӣ менамудам,
ва ба туфайли банӣ-одам ҳаловат мебурдам.
32 Ва акнун, эй писарон, маро бишнавед;
хушо касоне ки роҳҳои маро риоят мекунанд!+
33 Насиҳатро бишнавед, ва ҳикматпеша бошед, ва онро рад накунед.
34 Хушо касе ки маро мешунавад,
ҳар рӯз назди дарвозаи ман бедор меистад

ва паҳлудариҳои маро нигаҳбонӣ мекунад!
35 Зеро касе ки маро ёфта бошад, ҳаётро ёфтааст,
ва аз ҷониби Худованд ҳусни таваҷҷӯҳ хоҳад ёфт+.
36 Валекин касе ки аз ман дур шавад, ба ҷони худ ҷафо мекунад;
ҳамаи онҳое ки аз ман нафрат доранд, маргро дӯст медоранд».

## Давоми он.

1 Ҳикмат хонаи худро бино кард,
ҳафт рукни онро тарошид,
2 Парвории худро забҳ намуд, шароби худро омехта кард,
ва суфраи худро орост;+
3 Канизони худро фиристод,
то ки аз болои баландиҳои шаҳр даъват намоянд:+
4 «Касе ки соддадил аст, ин ҷо биёяд!»
Ба ҳар каси беақл гуфт:
5 «Биёед, аз нони ман бихӯред, ва аз шаробе ки омехта кардаам,
бинӯшед;+
6 Соддадилиро тарк намоед ва зиндагӣ кунед,
ва бо роҳи хирад қадамгузор шавед».
7 Ҳар кӣ масхарабозро насиҳат диҳад, ба худаш нанг меоварад,
ва ҳар кӣ шарирро мазаммат кунад, худро доғдор месозад.
8 Масҳарабозро мазаммат накун: мабодо аз ту нафрат кунад;
хирадмандро мазаммат намо, ва ӯ туро дӯст хоҳад дошт+.
9 Хирадмандро сабақ омӯз, ва ӯ боз ҳам хирадмандтар хоҳад шуд;
одилро таълим деҳ, ва дониши ӯ хоҳад афзуд+.
10 Ибтидои ҳикмат тарси Худованд аст,
ва шинохтани Қуддус хирад аст,+
11 Чунки ба воситаи ман айёми ту зиёд хоҳад шуд,
ва солҳои умри ту хоҳад афзуд+.
12 Агар хирадманд бошӣ, ба нафъи худат хирадманд ҳастӣ;
ва агар масхарабоз бошӣ, бори онро танҳо худат хоҳӣ бардошт.
13 Зани аблаҳ пуршӯр ва сабукмағз аст,
ва чизе намедонад,+
14 Ва назди дари хонаи худ, бар курсӣ,
дар ҷойҳои баланди шаҳр менишинад,
15 То ки роҳгузаронро даъват намояд, —
онҳоеро, ки бо роҳҳои рости худ равонанд:
16 «Касе ки соддадил аст, ин ҷо биёяд!»
Ва ба ҳар каси беақл гуфт:
17 «Оби дуздӣ ширин аст,
ва нони рустӣ лазиз аст»+.

18 Ва ӯ намедонад, ки он ҷо мурдагон ҳастанд:
онҳое ки вай даъват намудааст, дар қаъри дӯзах мебошанд.

## Шарорат беандешагист. Адолат ҳикмат аст.

0 1 Масалҳои Сулаймон.
Писари бохирад падарро шод мекунад,
вале писари аблаҳ сабаби андӯҳи модари худ мешавад+.
2 Ганҷҳои шарорат фоида намебахшад,
вале адолат аз мамот халосӣ медиҳад+.
3 Худованд ҷони одилро гирифтори гуруснагӣ намекунад,
вале ҳирси шариронро рад мекунад+.
4 Дасти танбал касро бенаво мегардонад,
вале дасти ғайратмандон онҳоро сарватманд мекунад+.
5 Касе ки тобистон ғунучин кунад, писари бофаҳм аст,
вале касе ки дар мавсими дарав хоб равад, писари нанговар аст.
6 Баракатҳо бар сари одил аст,
вале даҳони шариронро зулм мепӯшонад.
7 Зикри одил муборак аст,
вале номи шарирон зуд аз байн меравад+.
8 Донодил аҳкомро қабул мекунад,
вале аблаҳи даҳаньяла пешпо мехӯрад.
9 Касе ки бо тариқи рост равон аст, дар амният равон аст,
вале касе ки роҳҳои худро каҷ кунад, сазои худро меёбад+.
10 Касе ки чашмакӣ занад, сабаби дарду алам мешавад,
вале аблаҳи даҳаньяла пешпо мехӯрад+.
11 Даҳони одил чашмаи ҳаёт аст,
вале даҳони шариронро зулм мепӯшонад+.
12 Адоват нифоқҳо меандозад,
вале муҳаббат ҳамаи гуноҳҳоро рӯпӯш мекунад+.
13 Дар лабҳои оқил ҳикмат мавҷуд аст,
вале чӯб барои тахтапушти беақл аст+.
14 Хирадмандон донишро сариштa мекунанд,
вале даҳони аблаҳ таҳлукаи наздик аст+.
15 Дороии сарватдор қалъаи мустаҳками ӯст;
бенавоии камбағалон таҳлукаи онҳост+.
16 Мукофоти амали одил барои ҳаёт аст;
фоидаи шарир барои гуноҳ аст+.
17 Касе ки насиҳатро риоя кунад, бо роҳи ҳаёт равон аст;

вале касе ки мазамматро рад кунад, гумроҳ мешавад+.
18 Касе ки адоватро рӯпӯш намояд, дурӯғгӯй аст,
ва касе ки бӯҳтон занад, аблаҳ аст.
19 Сухани бисьёр аз гуноҳ фориғ нест,
ва касе ки лабҳои худро боздорад, оқил аст+.
20 Забони одил нуқраи холис аст,
вале дили шарир ночиз аст.
21 Лабҳои одил касони бисьёрро ҳидоят мекунад,
вале аблаҳон аз беақлӣ мемиранд+.
22 Баракати Худованд сарватманд мекунад,
ва ғаму ғуссае бо худ намеоварад.
23 Бадкирдорӣ барои аблаҳ мисли дилхушист,
вале ҳикмат ба шахси хирадманд хос аст+.
24 Биме ки шарир дорад, ба сари вай меояд,
вале муроди одилон ҳосил мешавад+.
25 Вақте ки гирдбод вазида гузарад, шарир нест мешавад,
вале одил буньёди ҷовидонӣ дорад+.
26 Чунон ки сирко барои дандонҳост ва дуд барои чашмҳо,
despite = ончунон коҳил барои фиристандагони худ мебошад+.
27 Худотарсӣ айёмро меафзояд,
вале солҳои шарирон кӯтоҳ мешавад+.
28 Интизории одилон шодмонист,
вале умедвории шарирон нест мешавад+.
29 Роҳи Худованд барои шахси беайб истеҳком аст,
вале барои бадкирдорон таҳлука аст.
30 Одил ҳаргиз фурӯ намеғалтад,
вале шарирон сокини замин намешаванд+.
31 Даҳони одил ҳикматро ифода менамояд,
вале забони каҷгуфтор бурида мешавад+.
32 Лабҳои одил суханони дилхоҳро медонад,
вале даҳони шарирон — каҷгуфториро.

## Муқоиса кардани адолат ва шарорат.

1
[1] Тарозуи нодуруст назди Худованд зишт аст,
вале санги дақиқ ба Ӯ мақбул аст+.
[2] Ғурур биёяд, нанг ҳам меояд,
вале ҳикмат бо фурӯтанон аст+.
[3] Беайбии ростдилон онҳоро роҳнамоӣ мекунад,
вале каҷравии хоинон онҳоро ба ҳалокат мерасонад+.
[4] Сарват дар рӯзи ғазаб мадад намекунад,
вале адолат аз мамот халосӣ медиҳад+.
[5] Адолати шахси беайб роҳи ӯро ҳамвор мекунад,
вале шарир дар шарорати худ фурӯ меғалтад+.
[6] Адолати ростдилон онҳоро наҷот медиҳад,
вале хоинон дар ҳирси худ гирифтори бало мешаванд+.
[7] Бо мурдани шахси шарир умеди вай барбод меравад,
ва интизории ҷафокорон нест мешавад+.
[8] Одил аз мусибат халосӣ меёбад,
ва шарир ба ҷои ӯ ба дом меояд+.
[9] Тамаллуқкор бо даҳонаш ёри худро фосид мекунад,
вале одилон ба воситаи дониш раҳо мешаванд.
[10] Ба некрӯзии одилон шаҳр шодӣ мекунад,
ва ба ҳалокати шарирон — таронасароӣ+.
[11] Аз баракати росткорон шаҳр сарбаланд мегардад,
вале аз даҳони шарирон хароб мешавад+.
[12] Касе ки аз ёри худ нафрат кунад, беақл аст,
вале шахси хирадманд хомӯш мемонад.
[13] Хабаркаш сирро ошкор мекунад,
вале шахсе ки рӯҳан вафодор аст, ҳар чизро ниҳон медорад+.
[14] Тадбирсозӣ набошад, қавм фурӯ меғалтанд,
вале наҷот аз машварати бисьёр аст+.
[15] Касе ки ба одами бегона зомин шавад, худаш зарар мебинад,
вале касе ки аз замонат нафрат кунад, аз зарар эмин аст.
[16] Зани нексиришт ҷалол меёбад,
вале касони зӯрманд сарват меёбанд.
[17] Шахси эҳсонкор ба ҷони худаш некӣ мекунад,
вале каси дилсахт ҷисми худашро хароб мекунад.

18 Шарир музди ноҳақ пайдо мекунад,
вале корандаи адолат — подоши ҳақиқӣ+.
19 Адолатпарварӣ боиси ҳаёт мешавад,
вале шароратпеша сӯи мамоти худ меравад+.
20 Каҷдилон назди Худованд зиштанд,
вале касоне ки роҳашон рост аст, ба Ӯ мақбуланд+.
21 Яқин аст, ки бадкеш беҷазо намемонад,
вале насли одилон раҳо мешавад+.
22 Чӣ гунае ки ҳалқаи тилло дар бинии хук бошад,
зани хушрӯй ва беақл он гуна аст.
23 Муроди одилон фақат некӯист;
умедвории шарирон ғазаб аст.
24 Яке тақсим карда медиҳад, ва сарвати ӯ боз ҳам зиёд мешавад;
вале дигаре аз ҳад зиёд сарфакор аст, ва сарвати ӯ торафт кам мешавад+.
25 Ҷони сахӣ пурфайз мешавад,
ва касе ки сероб кунад, худаш низ сероб мегардад+.
26 Касе ки ғалларо аз фурӯш нигоҳ дорад, ӯро халқ лаънат мекунанд;
вале бар сари ғаллафурӯш баракат меояд+.
27 Касе ки шавқманди некӯист, ҳусни таваҷҷӯҳро меҷӯяд;
вале касе ки толиби бадист, он бар сари худаш меояд+.
28 Касе ки ба сарвати худ умед бандад, фурӯ меғалтад;
вале одилон мисли барг месабзанд+.
29 Касе ки рӯзгори хонаи худро хароб кунад, бод насибаш мешавад,
ва аблаҳ бандаи шахси донодил мегардад.
30 Меваи одил дарахти ҳаёт аст,
ва он ки ҷонҳоро ҷалб менамояд, хирадманд аст+.
31 Модоме ки одил бар замин сазо меёбад,
чӣ қадар бештар шарир ва гуноҳкор+.

## Давоми он. Фарқи байни одил ва шарир.

2 [1] Касе ки насиҳатро дӯст дорад, донишро дӯст медорад,
вале касе ки аз мазаммат нафрат кунад, монанди ҳайвон аст+.
[2] Каси нек аз ҷониби Худованд ҳусни таваҷҷӯҳ меёбад;
вале шахси дасисакорро Ӯ маҳкум мекунад.
[3] Одамизод бо шарорат устувор намешавад,
вале решаи одилон ноҷунбон аст+.
[4] Зани солеҳа тоҷи шавҳари худ мебошад,
вале зани нанговар мисли фасоде дар устухонҳои ӯст+.
[5] Фикру хаёли одилон инсоф аст;
вале тадбирсозиҳои шарирон макр аст+.
[6] Суханони шарирон камин аст барои хунрезӣ,
вале даҳони росткорон онҳоро халосӣ медиҳад+.
[7] Ҳамин ки шарирон фурӯ ғалтанд, нест мешаванд,
вале хонаи одилон қоим меистад.
[8] Одамро аз рӯи ақлаш ситоиш мекунанд,
вале каҷдил ба нафрат дучор мешавад.
[9] Каси оддие ки ғуломе дорад,
беҳ аз касе ки худро болонишин нишон медиҳад,
вале мӯҳтоҷи нон аст.
[10] Одил ба ҷони чорвои худ раҳм мекунад,
вале марҳаматҳои шарирон бераҳмона аст+.
[11] Касе ки замини худро кор кунад, аз нон сер мешавад,
вале касе ки аз паи корҳои ҳеҷу пуч шавад, беақл аст+.
[12] Шарир ҳавас дорад ба доми бадкешон дароварад,
вале решаи одилон самар меоварад.
[13] Гуноҳи лабҳо барои бадкеш дом аст,
вале одил аз тангӣ берун меояд+.
[14] Аз самари даҳони худ кас аз некӯӣ сер мешавад,
ва подоши аъмоли дастҳои одам ба ӯ бармегардад+.
[15] Роҳи аблаҳ дар назари худаш рост аст,
вале касе ки машваратро шунавад, хирадманд аст+.
[16] Хашми аблаҳ дарҳол маълум мешавад,
вале шахси бофаросат дашномро шунида, худдорӣ мекунад+.
[17] Каси ростгӯй адолатро баён мекунад,

вале шоҳиди козиб — фиребро+.
18 Баъзеҳо неши забон мезананд, ки мисли зарби шамшер аст,
вале забони хирадмандон офият мебахшад+.
19 Даҳони ростгӯй то абад қоим аст,
вале забони дурӯғгӯй — то як чашм задан+.
20 Дар дили бадандешон макр аст,
вале дар дили оштидиҳандагон — шодӣ.
21 Ба одил ҳеҷ осеб намерасад,
вале шарирон пур аз бадбахтӣ ҳастанд+.
22 Даҳони дурӯғгӯй назди Худованд зишт аст,
вале росткорон ба Ӯ мақбуланд+.
23 Шахси бофаросат донишро пӯшида медорад,
вале дили аблаҳон беақлиро зоҳир месозад+.
24 Дасти ғайратмандон ҳукмфармо мешавад,
вале танбал гирифтори хироҷи бандагӣ мегардад.
25 Ғуссаи дили одам ӯро фишор медиҳад,
вале сухани меҳрубонона ӯро хурсанд мекунад.
26 Одил ба ёри худ роҳ нишон медиҳад,
вале роҳи шарирон онҳоро дар иштибоҳ меандозад.
27 Танбал сайдашро бирьён намекунад,
вале молу мулки одами ғайратманд гаронбаҳост.
28 Дар тариқи адолат ҳаёт аст,
ва хати роҳи он лоямут аст.

## Давоми он.

3 [1] Писари бохирад насиҳати падарро қабул мекунад,
вале масхарабоз итобро намешунавад+.
[2] Аз самари даҳони худ кас некӯиро мечашад,
вале ҷони хоинон — зулмро+.
[3] Касе ки даҳони худро нигоҳ дорад, ҷонашро муҳофизат мекунад,
вале касе ки даҳони худро калон кушояд, ба вай осеб мерасад+.
[4] Ҷони коҳил ҳавас мекунад, ва натиҷае нест;
вале ҷони ғайратмандон сер мешавад+.
[5] Одил аз гапи дурӯғ кароҳат дорад,
вале шарир бадном ва расво мешавад.
[6] Адолат ростравро нигаҳбонӣ мекунад,
вале шарорат хатокорро ба ҳалокат мерасонад+.
[7] Яке худро сарватманд нишон медиҳад, ва чизе надорад;
вале дигаре худро бенаво нишон медиҳад, ва сарвати зиёде дорад+.
[8] Сарвати одам фидияи ҷони ӯст;
вале бенаво таҳдидро намешунавад.
[9] Нури одилон шодиёна медурахшад,
вале чароғи шарирон хомӯш мешавад,+
[10] Аз ғурур фақат низоъ ба миён меояд,
вале ҳикмат бо хоксорони машваратшунав аст+.
[11] Сарвате ки аз ҳеҷу пуч пайдо шуда бошад, торафт кам мешавад,
вале касе ки бо амали дасташ ғун карда бошад, онро афзун менамояд.
[12] Умедвории дуру дароз дилро бемор мекунад,
вале мароде ки ҳосил шуда бошад, дарахти ҳаёт аст+.
[13] Касе ки ба калом беэътиноӣ кунад, ба худаш осеб мерасонад;
вале касе ки аз аҳком тарсон бошад, мукофот меёбад.
[14] Таълими хирадманд чашмаи ҳаёт аст,
ки аз домҳои мамот дур мекунад+.
[15] Ақли расо ҷозиба мебахшад,
вале роҳи хоинон сахт аст.
[16] Ҳар шахси бофаросат бо дониш амал мекунад,
вале аблаҳ беақлиро нишон медиҳад+.
[17] Элчии шарир ба бало мемонад,
вале қосиди амин тасаллӣ мебахшад+.

[18] Бенавоӣ ва нанг насиби касест, ки насиҳатро рад кунад;
вале касе ки мазамматро қабул кунад, мӯҳтарам мешавад+.
[19] Муроде ки ҳосил шуда бошад, барои ҷон хуш аст,
ва дур шудан аз бадӣ барои аблаҳон зишт аст.
[20] Касе ки бо хирадмандон гардад, хирадманд мешавад;
вале касе ки бо аблаҳон ҷӯра шавад, шикаст мехӯрад.
[21] Хатокоронро бадӣ таъқиб мекунад,
вале одилон мукофоти нек меёбанд.
[22] Некӯкор ба писарони писаронаш мерос боқӣ мегузорад,
вале сарвати хатокор барои одил саришта карда мешавад+.
[23] Дар киштзори бенавоён озуқа бисьёр аст,
вале аз боиси бесомонӣ нобуд мешаванд.
[24] Касе ки чӯбро дареғ дорад, писари худро дӯст намедорад;
вале касе ки ӯро дӯст дорад, аз бачагиаш ҷазо медиҳад+.
[25] Одил барои серии ҷонаш мехӯрад,
вале шиками шарирон мӯҳтоҷӣ мекашад+.

## Давоми он. Ҳамд дар шаъни ҳикмате ки дар ҳаёти ҳаррӯза зоҳир мешавад.

4 [1] Ҳикмати зан хонаи варо бино мекунад,
вале зани аблаҳ бо дасти худ онро вайрон мекунад.
[2] Касе ки бо роҳи рост равад, тарсгори Худованд аст,
вале касе ки роҳҳояш каҷ аст, Ӯро хор медорад+.
[3] Дар даҳони аблаҳ навдаи ғурур аст,
вале лабҳои хирадмандон онҳоро нигаҳбонӣ мекунад+.
[4] Агар барзаговҳо набошад, охур холист,
вале аз қуввати барзагов маҳсулот бисьёр аст.
[5] Шоҳиди амин дурӯғ намегӯяд,
вале шоҳиди козиб суханони дурӯғ мебофад+.
[6] Масхарабоз ҳикмат меҷӯяд, ва намеёбад;
вале барои оқил дониш осон аст+.
[7] Аз ҳузури шахси аблаҳ дур шав,
вагар на лабҳои оқилонаро нахоҳӣ донист.
[8] Ҳикмати шахси бофаросат — дар фаҳмидани роҳи ӯст;
вале беақлии аблаҳон макр аст.
[9] Беақлонро гуноҳ миёнарав аст,
вале дар миёни росткорон — ҳусни таваҷҷӯҳ.
[10] Дил талхии ҳиссиёти худро медонад,
ва дар шодии вай бегонае иштирок надорад.
[11] Хонаи шарирон вайрон мешавад,
вале хаймаи росткорон нашъунамо меёбад+.
[12] Роҳе ҳаст, ки ба назари кас рост менамояд,
вале оқибаташ роҳҳои мамот аст+.
[13] Дар вақти ханда ҳам баъзан дили кас дард мекунад,
ва шодие ҳаст, ки оқибаташ андӯҳ аст+.
[14] Каҷдил аз роҳҳои худ сер мешавад,
ва шахси нек — аз амалиёти худ.
[15] Соддадил ба ҳар сухан имон меоварад,
вале бофаросат ба ҳар қадами худ диққат медиҳад.
[16] Хирадманд метарсад ва аз бадӣ дур мешавад,
вале аблаҳ пурғурур ва худписанд аст.
[17] Тундмизоҷ беақлӣ мекунад,

ва шахси дасисакор нафратангез аст.
18 Насиби соддадилон беақлист,
вале дониш тоҷи бофаросатон аст.
19 Бадон назди некон сархам меистанд,
ва шарирон — пеши дарвозаҳои одилон+.
20 Бенаво барои ёри худ низ нафратангез аст,
вале сарватдор дӯстони бисьёре дорад+.
21 Касе ки аз ёри худ нафрат дорад, гуноҳ мекунад,
вале хушо касе ки хайрхоҳи мискинон аст!+
22 Оё бадандешон гумроҳ намешаванд?
Вале эҳсон ва ростӣ бо некандешон аст.
23 Дар ҳар кори сахт нафъе ҳаст,
вале пургӯӣ фақат сӯи бенавоӣ мебарад+.
24 Тоҷи хирадмандон сарвати онҳост;
вале тавонгарии аблаҳон беақлист.
25 Шоҳиди ростгӯй ҷонҳоро халос мекунад,
вале шоҳиди маккор суханони дурӯғ мебофад.
26 Дар худотарсӣ қалъаи мустаҳкаме ҳаст,
ва вай барои фарзандонаш паноҳгоҳ мешавад.
27 Худотарсӣ чашмаи ҳаёт аст,
ва аз домҳои мамот дур мекунад+.
28 Шавкати подшоҳ дар бисьёрии қавм аст,
ва шикасти амир дар камии қабила аст.
29 Собир пурхирад аст,
вале зудранҷ беақлиро зоҳир месозад+.
30 Дили ором ҳаёти ҷисм аст,
вале ҳасад фасоди устухонҳост+.
31 Касе ки бенаворо ба танг оварад, Офаринандаи ӯро хорӣ медиҳад,
вале касе ки ба мискин марҳамат мекунад, Ӯро ҷалол медиҳад+.
32 Шарир барои бадии худ рад карда мешавад,
вале одил дар вақти мамоти худ низ ба Худо паноҳ мебарад.
33 Ҳикмат дар дили оқил қарор меёбад,
вале он чи андаруни аблаҳон аст, ошкор мешавад,
34 Адолат қавмро сарбаланд мегардонад,
вале гуноҳ нанги қабилаҳост.
35 Таваҷҷӯҳи подшоҳ бар бандаи соҳибфаҳм аст,

вале хашми ӯ — бар каси нанговар.

**Ҳикмат наҷот аст.**

**Гуноҳ ва аблаҳӣ ҳалокат аст.**

# 5

[1] Ҷавоби нарм ғазабро фурӯ менишонад,
вале сухани сахт хашмро бармеангезад+.
[2] Забони хирадмандон донишро зебо мегардонад,
вале даҳони аблаҳон беақлиро ифода мекунад+.
[3] Чашмони Худованд дар ҳама ҷост:
бадон ва неконро мушоҳида менамояд+.
[4] Чарбзабонӣ дарахти ҳаёт аст,
вале бадзабонӣ шикастагии рӯҳ аст+.
[5] Беақл ба насиҳати падари худ беэътиноӣ менамояд,
вале касе ки мазамматро риоя кунад, бофаросат аст.
[6] Дар хонаи одил сарват фаровон аст,
вале дар ҳосили шарир машаққат аст.
[7] Лабҳои хирадмандон донишро паҳн менамояд,
вале дили аблаҳон чунин нест.
[8] Қурбонии шарирон назди Худованд зишт аст,
вале дуои росткорон писандидаи Ӯст+.
[9] Тариқи шарир назди Худованд зишт аст,
вале пайрави адолатро Ӯ дӯст медорад.
[10] Барои тарккунандаи тариқат сазои бад муҳайёст,
ва бадхоҳи мазаммат мемирад+.
[11] Дӯзах ва асфалуссофилин пеши назари Худованд аст,
алалхусус дилҳои банӣ-одам+.
[12] Масхарабоз дӯст намедорад, ки ӯро мазаммат кунанд;
бинобар ин назди хирадмандон намеравад+.
[13] Дили шод чеҳраро зебо мегардонад,
вале аз андӯҳи дил рӯҳ маъюс мешавад+.
[14] Дили оқил орзуманди дониш аст,
вале даҳони аблаҳон аз беақлӣ ғизо мегирад+.
[15] Тамоми айёми мискин бад аст;
вале дилхушро ҳамеша базм аст.
[16] Доройи каме бо худотарсӣ
беҳ аз ганҷи бузурги пурфитна+.

[17] Таоми сабзавот дар ҷое ки муҳаббат бошад,
беҳ аз гови охурӣ, ки бо он адоват бошад+.
[18] Шахси тундмизоҷ нифоқ меандозад,
вале собир ҷанҷолро сокит мекунад+.
[19] Роҳи коҳил монанди хорбаст аст,
вале тариқи ростравон ҳамвор аст+.
[20] Писари бохирад падарро шод мекунад,
вале одами аблаҳ аз модари худ нафрат дорад+.
[21] Беақлӣ барои аблаҳ шодмонист,
вале шахси хирадманд бо роҳи рост меравад+.
[22] Бе машварат нақшаҳо вайрон мешавад,
вале бо кӯмаки мушовирони бисьёр иҷро меёбад+.
[23] Шодӣ барои одам дар ҷавоби даҳони ӯст:
чӣ хуш аст сухани бамавқеъ!+
[24] Тариқи ҳаёти соҳибфаҳм ӯро боло мебардорад,
то ки аз дӯзахи поён дур шавад+.
[25] Хонаи мағруронро Худованд хароб мекунад,
вале марзаи беваро устувор менамояд+.
[26] Қасдҳои бад назди Худованд зишт аст,
вале суханони хуш барои Ӯ пок аст+.
[27] Ҳаромризқ хонаи худро вайрон мекунад,
вале касе ки аз инъомҳо нафрат дорад, зист мекунад+.
[28] Дили одил барои ҷавоб додан фикру хаёл мекунад,
вале даҳони шарирон бадиҳоро ифода менамояд+.
[29] Худованд аз шарирон дур аст,
вале дуои одилонро мешунавад+.
[30] Нури чашмон дилро шод мекунад,
хабари хуш устухонҳоро аз илик пур мекунад+.
[31] Гӯше ки панди ҳаётро шунавад,
дар миёни хирадмандон ҷойгир мешавад.
[32] Касе ки насиҳатро рад кунад, аз ҷони худ безор аст,
вале касе ки пандро шунавад, ҳикмат пайдо мекунад+.
[33] Худотарсӣ интизоми ҳикмат аст,
ва моқабли ҷалол фурӯтанист+.

## Аъмоли одамон аз Худо пӯшида нест.

6 [1] Андешаҳои дил аз они одам аст,
вале ҷавоби забон аз ҷониби Худованд аст+.
[2] Ҳамаи роҳҳои одам дар назари вай пок аст,
вале Худованд рӯҳҳоро месанҷад+.
[3] Корҳои худро ба Худованд бисупор,
ва нақшаҳои ту муваффақият хоҳад ёфт+.
[4] Ҳар чизро Худованд ба мақсади он мувофиқ сохтааст,
ва шарирро низ барои рӯзи бад+.
[5] Ҳар касе ки дили мағрур дорад, назди Худованд зишт аст;
яқин аст, ки беҷазо намемонад+.
[6] Гуноҳ бо эҳсон ва ростӣ кафорат мешавад,
ва бо худотарсӣ кас аз бадӣ дур мешавад+.
[7] Агар роҳҳои одам ба Худованд мақбул бошад,
душманонашро низ бо вай оштӣ медиҳад+.
[8] Дороии ками боадолат
беҳ аз мадохили фаровони ноинсофона+.
[9] Дили одам роҳи ӯро нақша мекашад,
вале Худованд қадамҳои ӯро равона менамояд+.
[10] Ҳукми илоҳие бар лабҳои подшоҳ аст:
даҳони ӯ дар доварӣ саҳв намекунад+.
[11] Шоҳини тарозу ва паллаҳои дурусти он аз они Худованд аст;
ҳамаи сангҳои киса низ амали Ӯст+.
[12] Кирдори шарирона назди подшоҳон зишт аст,
чунки тахт бо адолат қоим аст+.
[13] Лабҳои адлгуфтор ба подшоҳон мақбул аст,
ва ростгӯёнро онҳо дӯст медоранд+.
[14] Ғазаби подшоҳ малакулмавт аст,
вале шахси хирадманд онро нарм мекунад+.
[15] Дар нури чеҳраи подшоҳ ҳаёт аст,
ва ҳусни таваҷҷӯҳи ӯ мисли абри охири баҳор аст+.
[16] Пайдо кардани ҳикмат аз тилло хеле беҳтар аст,
ва пайдо кардани хирад аз нуқра афзалтар+.
[17] Роҳи росткорон — аз бадӣ дур шудан аст:
касе ки роҳи худро нигоҳ дорад, ҷони худро нигаҳбонӣ мекунад.

[18] Моқабли шикаст ғурур аст,
ва моқабли нобарорӣ — ҳавобаландӣ+.
[19] Бо фурӯтанон шикастанафс будан
беҳ аз тақсим кардани ғанимат бо мағрурон.
[20] Касе ки дар корҳояш эҳтиёт кунад, файз меёбад,
ва хушо касе ки ба Худованд таваккал мекунад!+
[21] Донодил оқил номида мешавад,
ва ширинии лабҳо донишро меафзояд.
[22] Ақл барои соҳибони худ чашмаи ҳаёт аст,
вале беақлӣ ҷазои беақлон аст+.
[23] Дили хирадманд даҳони ӯро доно мекунад
ва бар лабҳои ӯ чарбгӯӣ меафзояд.
[24] Суханони хуш шаҳдест, ки барои ҷон ширин
ва барои устухонҳо шифобахш аст+.
[25] Роҳе ҳаст, ки ба назари кас рост менамояд,
вале оқибаташ роҳҳои мамот аст+.
[26] Ҳирси меҳнаткаш барои ӯ меҳнат мекунад,
зеро ки иштиҳои ӯ ӯро маҷбур менамояд+.
[27] Шахси сафил бадандеш аст,
ва бар лабҳои ӯ гӯё ки оташи сӯзоне ҳаст+.
[28] Шахси каҷгуфтор нифоқҳо меандозад,
ва бадгӯй дӯстонро аз ҳам ҷудо мекунад+.
[29] Шахси золим ёри худро фирефта мекунад,
ва ӯро бо роҳи нодуруст мебарад+.
[30] Он ки чашмак мезанад, дасисае хаёл карда мебарорад;
он ки лабҳои худро мегазад, бадиро ба итмом мерасонад.
[31] Тоҷи ҷалолат мӯйсафедист,
ки он дар роҳи адолат муяссар мегардад+.
[32] Собир беҳ аз баҳодур,
ва шахси худдор беҳ аз шаҳрситон+.
[33] Қуръа дар доман партофта мешавад,
вале ҳар натиҷаи он аз Худованд аст+.

## Давоми он. Муқоиса кардани некӣ ва бадӣ, ҳикмат ва аблаҳӣ.

7 [1] Як бурда нони қоқ бо осоиштагӣ
беҳ аз хонаи пур аз гӯшти қурбониҳо, ки серҷанҷол бошад+.
[2] Ғуломи соҳибфаҳм бар писари нанговар ҳукмфармо мешавад,
ва дар миёни бародарон меросро тақсим мекунад+.
[3] Бӯта барои нуқра аст, ва кӯра — барои тилло;
вале дилҳоро Худованд месанҷад+.
[4] Бадкеш ба лабҳои талбискор диққат мекунад;
козиб ба забони фалокатбор гӯш медиҳад.
[5] Касе ки бенаворо таҳқир кунад, Офаринандаи ӯро хорӣ медиҳад;
касе ки аз ҳалокат шод шавад, бечазо намемонад+.
[6] Тоҷи пирон писарони писаронанд,
ва ҷалолати писарон — падару модари онҳо+.
[7] Забони калонгап ба нокас намезебад,
алалхусус забони дурӯғгӯй — ба валинеъмат+.
[8] Инъом дар назари соҳибони он санги гаронбаҳост;
ба ҳар сӯ рӯ оварад, муваффақият меёбад+.
[9] Касе ки гуноҳро рӯпӯш кунад, толиби муҳаббат аст;
вале касе ки онро такроран хотиррасон намояд, дӯстонро аз ҳам ҷудо мекунад.
[10] Як итоб ба оқил бештар таъсир мекунад,
назар ба сад қамчин ба аблаҳ.
[11] Шарир фақат фитнаро толиб аст,
ва ба муқобили ӯ қосиди бераҳм фиристода мешавад.
[12] Вохӯрдан бо хирси бачагумкарда барои одам
беҳ аз вохӯрдан бо аблаҳ дар вақти беақлии вай+.
[13] Касе ки дар ивази некӣ бадӣ кунад,
аз хонаи вай бадӣ дур намешавад+.
[14] Ибтидои нифоқ мисли рахнаи об аст:
пеш аз он ки ҷанҷол авҷ гирад, онро тарк кун+.
[15] Сафедкунандаи шарир ва айбдоркунандаи одил
— ҳар дуяшон ҳам назди Худованд зиштанд+.
[16] Чаро сарват дар дасти аблаҳ бошад?
Барои харидани ҳикмат ӯ фаҳме надорад.
[17] Дӯст ҳар вақт дӯст медорад,

ва бародар барои рӯзи сахт таваллуд мешавад+.
18 Одами беақл дасти паймон медиҳад
ва ба ёри худ зомин мешавад.
19 Касе ки ҷанҷолро дӯст дорад, гуноҳро дӯст медорад;
касе ки ҳавобаландона даҳон кушояд, толиби шикаст аст+.
20 Каҷдил некӯӣ намеёбад,
ва забони каҷгуфтор ба бало гирифтор мешавад.
21 Касе ки аблаҳро ба дунъё оварад, барои андӯҳи худи ӯст,
ва падари фарзанди нокас шод намешавад+.
22 Дили шод саломатӣ мебахшад,
вале рӯҳи ғамгин иликро хушк мекунад+.
23 Шарир ришваро аз кисаи бағалӣ мегирад,
то ки роҳҳои инсофро таҳриф намояд+.
24 Ҳикмат дар рӯ ба рӯи шахси оқил аст,
вале чашмони аблаҳ дар ақсои замин аст.
25 Писари аблаҳ барои падари худ алам
ва барои модари худ талхӣ мебошад+.
26 Ҷарима ниҳодан бар одил низ хуб нест,
алалхусус задани наҷибон аз барои ростко рӣ.
27 Соҳиби дониш суханони худро бозмедорад,
ва шахси хирадманд хунсард аст+.
28 Беақл низ, агар хомӯш нишинад, хирадманд ҳисоб меёбад:
касе ки лабҳои худро бандад, оқил аст+.

## Давоми он.

8 [1] Худком толиби ҳавас аст,
ба зидди ҳар зиракӣ қиём мекунад.
[2] Аблаҳ хирадро дӯст намедорад,
балки фақат дили худро мехоҳад зоҳир созад.
[3] Бо омадани шарир нафрат ҳам меояд,
ва бо бадномӣ — шармандагӣ.
[4] Суханони даҳони одам обҳои чуқур аст;
селоб аст, ки аз чашмаи ҳикмат ҷорист+.
[5] Рӯйбинӣ кардан ба шарир,
ё раво надидани доварӣ ба одил хуб нест+.
[6] Лабҳои аблаҳ бо ҷанҷол меояд,
ва даҳони ӯ сабаби занозанӣ мешавад+.
[7] Даҳони аблаҳ барои ӯ таҳлука аст,
ва лабҳои ӯ барои ҷони ӯ дом аст+.
[8] Суханони бадгӯй мисли таомҳои лазиз аст,
ва онҳо андаруни ботин фурӯ меравад+.
[9] Касе ки дар кори худ танбал бошад,
бародари хароблкор аст.
[10] Исми Худованд бурҷи кувват аст:
одил сӯи он медавад, ва паноҳ меёбад+.
[11] Доронии сарватдор шаҳри мустаҳками ӯст,
ва дар хаёли ӯ мисли ҳисори баланд аст+.
[12] Қабл аз шикаст дили кас ғурур мекунад,
ва моқабли ҷалол фурӯтанист+.
[13] Касе ки ношунида ҷавоб гардонад, беақл аст,
ва ин барои ӯ нанг аст.
[14] Рӯҳи одам беморни ӯро мебардорад,
вале рӯҳ агар афсурда бошад, кист, ки тавонад онро бардорад+?
[15] Дили оқил дониш пайдо мекунад,
ва гӯши хирадмандон толиби дониш аст.
[16] Инъоми одам барои ӯ вусъат муҳайё мекунад,
ва ӯро сӯи бузургон ҳидоят менамояд+.
[17] Нахустин дар даъвои худ ҳақ менамояд,
вале ҳарифи ӯ меояду ӯро тафтиш мекунад.

18 Қуръа ба ситезаҳо хотима медиҳад,
ва даъвогаронро аз ҳам ҷудо мекунад.
19 Бародари ранҷида аз шаҳри мустаҳкам устувортар аст,
ва ситезаҳо ба ғалақаҳои қаср монанд аст.
20 Аз меваи даҳони одам батни ӯ пур мешавад:
аз маҳсули лабҳои худ ӯ сер мешавад+.
21 Мамот ва ҳаёт дар дасти забон аст,
ва дӯстдорони он меваи онро мехӯранд.
22 Касе ки зани солеҳа дошта бошад, некбахтӣ пайдо кардааст,
ва аз ҷониби Худованд файз ёфтааст+.
23 Бенаво бо зорӣ сухан меронад,
вале сарватдор бо дуруштӣ ҷавоб медиҳад.
24 Ёроне ҳастанд, ки ба шикаст мерасонанд,
вале дӯсте ҳаст, ки аз бародар маҳкамтар мечаспад+.

## Давоми он. Аблаҳӣ ва коҳилӣ зарар дорад.

9 [1] Бенавое ки бо роҳи рости худ равон аст,
беҳ аз каҷгуфторе ки аблаҳ бошад+.
[2] Бепарвогии ҷон ҳам хуб нест,
ва касе ки бо пойҳои худ шитобад, пешпо мехӯрад+.
[3] Беақлии одам роҳи ӯро каҷ мекунад,
вале дили ӯ аз Худованд гиламанд мешавад+.
[4] Сарват ёрони бисьёрро ҳамроҳ мекунад,
вале бенаво аз ёри худ ҷудо мешавад+.
[5] Шоҳиди козиб беҷазо намемонад,
ва касе ки суханони дурӯғ бофад, раҳо намешавад+.
[6] Бисьёр касон дидори валинеъматро толибанд,
ва ҳама ёри шахси инъомдеҳ ҳастанд+.
[7] Ҳамаи бародарони бенаво аз ӯ нафрат мекунанд,
алалхусус ёронаш аз ӯ дур мешаванд;
аз паи ваъдаҳошон медавад, аммо нестанд+.
[8] Касе ки ҳикмат пайдо кунад, ҷони худро дӯст медорад;
касе ки хирадро нигоҳ дорад, файз меёбад+.
[9] Шоҳиди козиб беҷазо намемонад,
ва касе ки суханони дурӯғ бофад, ба ҳалокат мерасад+.
[10] Ба аблаҳ айшу тараб намезебад,
алалхусус ба ғулом — ҳукмронӣ бар мирон+.
[11] Ақли одам хашми ӯро бозмедорад,
ва аз бадкорӣ чашм пӯшида гузаштан ҷалолати ӯст+.
[12] Ғазаби подшоҳ мисли ғурриши шери ҷавон аст,
ва хусни таваҷҷӯҳи ӯ мисли шабнам аст бар алаф+.
[13] Писари аблаҳ фалокат аст барои падар,
ва ситезаҳои зан мисли чак-чаки шилқин аст+.
[14] Хона ва доройӣ мероси падарон аст,
вале зани соҳибфаҳм аз ҷониби Худованд аст+.
[15] Коҳилӣ касро хоболуд мегардонад,
ва шахси танбал гирифтори гуруснагӣ мешавад+.
[16] Касе ки аҳкомро риоя кунад, ҷони худро нигаҳбонӣ менамояд,
вале касе ки ба роҳҳои худ беэътиноӣ кунад, ба ҳалокат мерасад+.
[17] Касе ки ба бенаво марҳамат кунад, ба Худованд қарз медиҳад,

ва Ӯ мукофоти некии варо ба вай адо мекунад+.
18 Писари худро ҷазо деҳ, ҳанӯз ки умеде ҳаст,
ва аз гирьяи ӯ ҷони худро накоҳон+.
19 Пурхашм албатта ҷазо мебинад,
чунки агар ӯро раҳо намоӣ, боз ҳам ҷазо додан лозим мешавад.
20 Машваратро бишнав ва насиҳатро қабул намо,
то ки оқибат ту хирадманд шавӣ.
21 Дар дили одам фикрҳо бисьёр аст,
вале фақат нақши Худованд ба амал меояд+.
22 Ифтихори одам эҳсонкории ӯст,
ва бенаво беҳ аз шахси каззоб.
23 Худотарсӣ боиси ҳаёт аст,
ва тарсгор дар некӣ сокин аст ва аз ҳар бадӣ эмин аст+.
24 Коҳил дасти худро дар табақ меандозад,
ва онро ҳатто ба даҳони худ намебарад+.
25 Масхарабозро шаллоқ занӣ, соддадил ҳушьёр мешавад;
оқилро мазаммат намоӣ, насиҳатро дарк мекунад+.
26 Писари нанговар ва беор падарро тороҷ мекунад,
ва модарро меронад+.
27 Эй писарам! Шунидани пандро бас кун,
агар аз суханони дониш дур мешуда бошӣ.
28 Шоҳиди сафил довариро тамасхур мекунад,
ва даҳони шарирон талбисро фурӯ мебарад+.
29 Қасосҳо барои масхарабозон муҳайёст,
ва зарбу латҳо — барои ҷисми аблаҳон+.

## Огоҳӣ ва пандҳо.

0 1 Шароб масхара медорад, бӯза талотум мекунад,
ва ҳар кӣ саргарми он гардад, хирадманд намешавад+.
2 Ҳайбати подшоҳ мисли ғурриши шери ҷавон аст;
касе ки ӯро ба хашм оварад, ҷони худро дар хатар мемонад+.
3 Аз ҷанҷол дур шудан барои одам шараф аст,
вале ҳар шахси беақл манша мекунад.
4 Коҳил зимистон шудгор намекунад,
ва дар мавсими дарав толиби ҳосил мешавад — ва намеёбад+.
5 Андешаи дили одам обҳои чуқур аст,
вале шахси хирадманд онҳоро мекашад+.
6 Бисьёр касон ба шахси эҳсонкоре дучор меоянд,
вале кист, ки тавонад шахси аминро биёбад?
7 Одил дар беайбии худ рафтор мекунад;
хушо писарони ӯ баъд аз ӯ!
8 Подшоҳ, ки бар курсии доварӣ менишинад,
бо нигоҳи чашмони худ ҳар бадиро пароканда мекунад.
9 Кист, ки тавонад бигӯяд: «Дили худро тоза кардаам,
аз гуноҳи худ пок шудаам»+?
10 Сангҳои дигар-дигар, андозаҳои дигар-дигар —
ҳар дуяш ҳам назди Худованд зишт аст+.
11 Бача низ аз рӯи корҳояш шинохта мешавад,
ки оё рафтораш пок ва рост аст ё не.
12 Гӯши шунаво ва чашми бино —
ҳар дуяшро ҳам Худованд офаридааст+.
13 Хобро дӯст надор: мабодо бенаво гардӣ;
чашмонатро воз кун, то ки аз нон сер шавӣ+.
14 Харидор мегӯяд: «Бад аст, бад аст»;
вале пас аз рафтани худ аз харидаш фахр мекунад.
15 Тилло ва ҷавоҳири бисьёре ҳаст,
вале лабҳои оқилона аз ҳар чиз гаронбаҳотар аст.
16 Либоси ӯро бигир, чунки ба бегона зомин шудааст:
ва аз ӯ, ки зомини шахси ғайр аст, гарав бигир+.
17 Нони ҳаром ба кас ширин аст,
вале баъд даҳони ӯ аз сангреза пур мешавад+.

18 Нақшаҳо бо машварат ба амал меояд,
ва ту бо тадбирсозӣ ҷанг бикун+.
19 Хабаркаш сирро ошкор мекунад;
пас ту бо даҳаньяла алоқа накун+.
20 Касе ки падару модари худро дашном диҳад,
чароғаш дар торикии зулмот хомӯш мешавад+.
21 Меросе ки дар аввал бо осонӣ ба даст омада бошад,
оқибаташ бобаракат намешавад+.
22 Нагӯй: «Барои бадӣ интиқом мегирам»;
ба Худованд таваккал намо, ва Ӯ туро наҷот медиҳад+.
23 Сангҳои дигар-дигар назди Худованд зишт аст,
ва тарозуи нодуруст хуб нест+.
24 Қадамҳои кас аз ҷониби Худованд аст;
пас одамизод чӣ гуна тавонад роҳи худро бифаҳмад+?
25 Чизеро сабукфикрона муқаддас хондан
ва баъд аз назр мулоҳиза кардан — дом аст барои одамизод+.
26 Подшоҳи хирадманд шариронро пароканда мекунад,
ва чархро бар онҳо мегардонад.
27 Рӯҳи одам чароғи Худованд аст,
ки тамоми ботинро месанҷад+.
28 Эҳсон ва ростӣ подшоҳро нигаҳбонӣ мекунад,
ва ӯ тахти худро бо эҳсон тақвият медиҳад.
29 Ҷалолати ҷавонон қуввати онҳост,
ва шавкати пирон — мӯи сафедашон+.
30 Ҷароҳатҳои шаллоқ давои шахси бадкор аст,
ва зарбу лат, ки андаруни батн фурӯ меравад.

## Давоми он.

## Иродаи Худо дили одамонро ҳидоят менамояд.

1 [1] Дили подшоҳ мисли ҷӯйҳои об дар дасти Худованд аст:
онро Ӯ ба ҳар куҷо ки хоҳад равона мекунад+.
[2] Ҳар роҳи одам дар назари вай рост аст,
вале Худованд дилҳоро месанҷад+.
[3] Риоя кардани адлу инсоф
назди Худованд мақбултар аз қурбонист+.
[4] Чашмони ҳавобаландона ва дили пурғурур
манбаи гуноҳи шарирон аст+.
[5] Мулоҳизаҳои шахси ғайратманд яқинан нафъовар аст,
вале ҳар шитобкор яқинан гирифтори бенавоӣ мешавад+.
[6] Пайдо кардани ганҷҳо бо забони дурӯғгӯй —
саъи беҳудаи толибони мамот аст+.
[7] Зулми шарирон онҳоро ба ҳалокат мерасонад,
чунки аз риояти инсоф даст кашидаанд.
[8] Роҳи касе ки аз адл бегона аст, пур аз дасисаҳост,
вале ҳар кӣ пок бошад, амали ӯ рост аст.
[9] Зистан дар гӯшаи бом
беҳ аз зистан бо зани ситезакор дар хонаи фарох+.
[10] Ҷони шарир бадиро орзу мекунад;
дар назари ӯ ёраш ҳам эҳтиром надорад.
[11] Ҳангоме ки масхарабоз ҷазо ёбад, соддадил хирадманд мешавад;
ва ҳангоме ки хирадманд соҳиби фаҳм гардад, ӯ дониш пайдо мекунад+.
[12] Одил ба хонаи шарир менигарад,
ки чӣ гуна шарирон ба бало гирифтор мешаванд.
[13] Касе ки гӯши худро аз фиғони бенаво баста бошад,
худаш низ фарьёд занад, фарьёдрас намеёбад+.
[14] Инъоми ниҳонӣ хашмро фурӯ менишонад,
ва ришваи кисагӣ — ғазаби сахтро+.
[15] Риояти инсоф шодмонӣ барои одилон,
ва тарсу ҳарос барои бадкирдорон аст.
[16] Одаме ки аз роҳи хирад дур шуда бошад,

дар ҷамоати мурдагон сокин мешавад+.
17 Касе ки айшу ишратро дӯст дорад, бенаво мешавад;
касе ки шароб ва равғанро дӯст дорад, сарватдор намешавад.
18 Барои одил шарир фидия мешавад,
ва барои росткорон — хоин+.
19 Зистан дар замини бодия
беҳ аз зистан бо зани ситезакор ва хашмгин+.
20 Махзани дилпазир ва равған дар маскани хирадманд аст,
вале одами аблаҳ онҳоро исроф менамояд.
21 Касе ки адолат ва марҳаматро риоят кунад,
ҳаёт, адолат ва ҷалол меёбад.
22 Хирадманд ба шаҳри зӯроварон медарояд
ва қалъаи умеди онҳоро ба хок яксон мекунад+.
23 Касе ки даҳони худ ва забони худро нигоҳ дорад,
ҷони худро аз мусибатҳо муҳофизат мекунад+.
24 Бадқасди ҳавобаланд, ки масхарабоз ном дорад,
бо ғазаби бадқасдона амал мекунад+.
25 Ҳарисии коҳил ӯро мекушад,
чунки дастҳои ӯ кор кардан намехоҳад;+
26 Ҳар рӯз ӯ пайваста ҳарисӣ мекунад,
вале одил медиҳад ва дареғ намедорад+.
27 Қурбонии шарирон зишт аст,
алалхусус вақте ки онро бо нияти бад биёранд+.
28 Шоҳиди козиб ба ҳалокат мерасад,
вале сухани шахси бофаҳм ҳаргиз катъ намешавад+.
29 Шахси шарир чеҳраи худро бешарм мегардонад,
вале росткор роҳҳои худро месанҷад.
30 Ҳикмате нест, ва хираде нест,
ва машварате нест бар хилофи Худованд+.
31 Асп барои рӯзи ҷанг тайёр аст,
вале зафар аз ҷониби Худованд аст+.

## Давоми он. Дар бораи номи нек.

**2** 1 Номи нек беҳ аз сарвати бузург,
ва меҳрубонӣ беҳ аз нуқра ва тилло+.
2 Сарватдор ва камбағал бо ҳамдигар вомехӯранд;
ҳар дуяшонро Худованд офаридааст+.
3 Шахси бофаросат мусибатро мебинад, ва пинҳон мешавад:
вале соддадилон гузашта мераванд, ва ҷазо меёбанд+.
4 Подоши фурӯтанӣ ва ҳудотарсӣ
сарват ва ҷалол ва ҳаёт аст+.
5 Хорҳо ва домҳо дар сари роҳи талбискор аст;
касе ки аз онҳо дур шавад, ҷони худро нигаҳбонӣ мекунад+.
6 Бачаро бо роҳе ки ба ӯ мувофиқ аст, тарбият намо;
пир шавад ҳам, аз он дур намешавад+.
7 Сарватдор бар камбағалон ҳукмронӣ мекунад,
ва қарздор ғуломи қарзхоҳ мегардад.
8 Касе ки тухми бедодӣ корад, бадӣ медаравад,
ва асои ғазабаш ӯро несту нобуд мекунад+.
9 Сахӣ баракат меёбад,
чунки аз нони худ ба камбағал медиҳад+.
10 Масхарабозро бирон, ва ситеза дур мешавад,
ва низоу нанг хотима меёбад+.
11 Дӯсти покдил, ки лабҳои хуш дорад,
подшоҳ ёри ӯст+.
12 Чашмони Худованд донишро нигаҳбонӣ мекунад,
вале суханони хоинро барҳам медиҳад.
13 Коҳил мегӯяд: «Шер дар берун аст,
дар миёни кӯчаҳо кушта мешавам!»+
14 Даҳони занони зинокор ҷари чуқур аст;
касе ки ба нафрини Худованд гирифтор шуда бошад, дар он
меафтад+.
15 Беақлӣ ба дили навҷавон баста шудааст;
чӯби адаб онро аз вай дур мекунад+.
16 Касе ки камбағалро барои афзоиши сарвати худ истисмор кунад,
ва касе ки ба сарватдор бахшиш диҳад, бенаво мешавад+.
17 Гӯши худро хам карда, суханони хирадмандонро бишнав,

ва дили худро ба таълими ман моил намо,+
18 Зеро хуш аст, ки агар онҳоро дар ботини худ нигоҳ дорӣ,
ва онҳо бар лабҳои ту низ бошад.
19 Барои он ки ба Худованд таваккал намоӣ,
имрӯз туро низ огоҳ кардам.
20 Оё ба ту мақолҳоеро нанавиштаам,
ки пур аз машваратҳо ва дониш аст,
21 То ки туро аз ҳақиқати суханони ростӣ огоҳ кунам,
ва ту суханони ростиро ба фиристандагони худ бирасонӣ?
22 Бенаворо тороҷ накун, зеро ки вай бенавост;
ва мискинро дар маҳкама озор надеҳ,+
23 Чунки Худованд даъвои онҳоро доварӣ мекунад,
ва ҷони тороҷгарони онҳоро ба тороҷ медиҳад+.
24 Бо хашмгин ёр нашав,
ва бо шахси тундмизоҷ алоқа накун:
25 Мабодо роҳҳои ӯро ёд гирӣ
ва ҷони худро ба дом оварӣ.
26 Аз ҷумлаи касоне набош, ки дасти паймон медиҳанд
ва барои қарзҳо зомин мешаванд.
27 Модоме ки ту чизе барои адо кардан надорӣ,
пас чаро бистари туро аз таги ту бигирад+?
28 Марзаи қадимиро,
ки падарони ту муқаррар кардаанд, накӯчон+.
29 Оё шахси дар кори худ чобукро дидаӣ?
Вай назди подшоҳон меистад;
назди сафилон намеистад.

## Давоми он. Дар бораи ҳикмати ҳаёт ва порсоӣ.

3

[1] Вақте ки бо ҳоким ба хӯрок хӯрдан биншинӣ,
ба он чи пеши назари туст, ба хубӣ диққат намо,
[2] Ва корде дар ҳалқуми худ бимон,
агар одами пурхӯр бошӣ:
[3] Таомҳои лазизи ӯро тамаъ накун,
чунки ин хӯроки назарфиреб аст.
[4] Барои сарват ғун кардан заҳмат накаш;
тадбирсозиҳои худро тарк намо+.
[5] Оё мехоҳӣ чашмони худро ба он бидӯзӣ, ва ҳол он ки он ғоиб
шудааст?
Зеро ки он барои худ болҳо месозад
ва мисли уқоб ба осмон парида меравад+.
[6] Хӯроки бахилро нахӯр,
ва таомҳои лазизи ӯро тамаъ накун,
[7] Зеро, чӣ гунае ки ӯ дар дили худ мулоҳиза мекунад,
худаш низ ҳамон гуна аст: «Бихӯр ва бинӯш!» —
мегӯяд ӯ ба ту, вале дили ӯ бо ту нест.
[8] Луқмае ки хӯрдаӣ, қай мекунӣ,
ва суханони неки худро барбод медиҳӣ.
[9] Ба гӯши аблаҳ гап назан,
чунки аз суханони оқилонаи ту нафрат дорад.
[10] Марзаи қадимиро накӯчон,
ва ба киштзори ятимон дохил нашав,+
[11] Чунки Раҳокунандаи онҳо боқудрат аст:
Ӯ даъвои онҳоро бо ту доварӣ мекунад+.
[12] Дили худро ба насиҳат моил намо,
ва гӯши худро — ба суханони оқилона.
[13] Аз бача ҷазоро дареғ надор;
агар ӯро бо чӯб занӣ, намемирад:+
[14] Ту ӯро бо чӯб мезанӣ,
ва ҷони ӯро аз дӯзах халос мекунӣ.
[15] Эй писарам! Агар дили ту бохирад шавад,
дили ман низ шод мегардад,
[16] Ва ботини ман хурсанд мешавад,

вақте ки лабҳои ту ба ростӣ сухан ронад.
17 Бигзор дили ту аз гуноҳкорон ҳасад набарад,
балки аз онҳое ки ҳамеша тарсгори Худованд бошанд,+
18 Чунки дар ҳақиқат оқибате ҳаст,
ва умеди ту барбод нарафтааст+.
19 Эй писарам! Бишнав ва хирадманд бош,
ва дили худро ба роҳи рост ҳидоят намо.
20 Дар миёни мастон набош,
ва дар миёни онҳое ки аз ҳад зиёд аз гӯштхӯрӣ лаззат мебаранд,+
21 Чунки мастон ва пурхӯрон бенаво мешаванд,
ва серхобӣ жандапӯш мегардонад.
22 Ба падари худ, ки туро ба дуньё овардааст, гӯш андоз;
ва аз модари худ, барои пир шуданаш, нафрат накун+.
23 Ростиро бихар ва онро нафурӯш;
ҳикмат, хулқу адаб ва хирадро низ.
24 Падари шахси одил хурсандӣ мекунад,
ва касе ки хирадмандро ба дуньё овардааст,
аз вай шод мешавад.
25 Бигзор падари ту ва модари ту шод шаванд,
ва касе ки туро ба дуньё овардааст, хурсандӣ кунад.
26 Эй писарам! Дили худро ба ман деҳ,
ва чашмони ту бигзор роҳҳои маро риоят кунад,
27 Чунки фоҳиша ҷари чуқур аст,
ва зани зинокор — чоҳи танг;+
28 Вай яқинан мисли роҳзане камин мегирад
ва хоинонро дар миёни мардум афзун мекунад+.
29 Оҳ аз они кист? Воҳ аз они кист?
Ситезаҳо аз они кист? Андӯҳ аз они кист?
Ҷароҳатҳои бесабаб аз они кист?
Ҷашмони сурхтоб аз они кист?
30 Аз они онҳоест,
ки пайваста шароб менӯшанд,
ва барои чашидани шароби дорувордор меоянд+.
31 Ба шароб назар надӯз, ки чӣ гуна сурхча метобад,
чӣ гуна дар қадаҳ мавҷ мезанад,
чӣ гуна бемалол ба гулӯ меравад,+

32 Лекин оқибат мисли мор мегазад,
ва мисли афъӣ заҳр мезанад;
33 Чашмони ту манзараҳои аҷибу ғарибе мебинад,
ва дили ту ба каҷгуфторӣ моил мешавад;
34 Ва ту мисли касе мешавӣ, ки дар миёнҷои баҳр хобида бошад,
ва мисли касе ки бар сари сутуни киштӣ хобида бошад;
35 Ва мегӯӣ: «Маро заданд, вале дардро ҳис накардам;
маро кӯфтанд, вале нафаҳмидам.
Вақте ки бедор шавам, боз ва боз ҳамон чизро ҷустуҷӯ мекунам»+.

Давоми он.

## Ба таври махсус дар бораи сабр ва илтифот.

4 [1] Аз касони бад ҳасад набар,
ва бо онҳо буданро ҳавас накун,+
[2] Чунки дили онҳо дар фикри тороҷ аст,
ва лабҳои онҳо дар бораи хабосат сухан меронад+.
[3] Хона бо ҳикмат бино меёбад
ва бо хирад барқарор мегардад.
[4] Ва бо дониш ҳуҷраҳо
аз ҳар навъ молу мулки гаронбаҳо ва дилпазир пур мешавад+.
[5] Марди хирадманд боиқтидор аст,
ва шахси донишманд бо қуввати худ ҷасур аст,+
[6] Чунки бо тадбирсозӣ метавонӣ барои худ ҷанг кунӣ,
ва зафар аз машваратчиёни бисьёр аст+.
[7] Ҳикмат барои беақл аз ҳад зиёд баланд аст:
назди дарвоза ӯ даҳони худро намекушояд.
[8] Касе ки бадиро ният кунад,
ӯро дасисакор меноманд.
[9] Нияти беақлӣ гуноҳ кардан аст,
ва масхарабоз барои одамон зишт аст+.
[10] Агар дар рӯзи тангӣ заифдил бошӣ,
қуввати ту кам аст+.
[11] Онҳоеро, ки барои мамот гирифта шудаанд, халос кун,
ва маҳкумони қатлро кошки маҳфуз медоштӣ!+
[12] Агар гӯӣ, ки «инро надонистаам»,
Санҷандаи дилҳо, охир, мефаҳмад,
ва Нигаҳбони ҷони ту медонад,
ва ба одам мувофиқи аъмоли вай подош медиҳад+.
[13] Эй писарам! Асалро бихӯр, чунки хуб аст,
ва шаҳдро, чунки барои коми ту ширин аст;+
[14] Чунин аст омӯхтани ҳикмат барои ҷони ту:
агар онро ба даст оварӣ, ояндае дорӣ,
ва умеди ту барбод намеравад+.
[15] Эй шарир! Бар маскани одил камин нагир;
оромгоҳи ӯро безобита накун,+
[16] Зеро ки одил ҳафт маротиба афтад ҳам, мехезад,

вале шарирон гирифтори бало мешаванд+.
17 Вақте ки душмани ту фурӯ ғалтад, шодӣ накун,
ва ҳангоме ки вай ба ноқомӣ дучор шавад, бигзор дили ту ба ваҷд наояд:+
18 Мабодо Худованд инро бинад, ва ин дар назари Ӯ бад намояд,
ва Ӯ ғазаби Худро аз вай бигардонад+.
19 Аз бадкешон дар қаҳр нашав,
ва аз шарирон ҳасад набар,+
20 Чунки шахси бад оянда надорад:
чароғи шарирон хомӯш мешавад+.
21 Эй писарам! Аз Худованд ва подшоҳ битарс;
бо исьёнгарон алоқа накун,+
22 Чунки ногаҳон ҳалокаташон меояд,
ва мусибатеро, ки аз ҷониби ҳар дуи онҳост, кист, ки бидонад?
23 Инҳо низ гуфтори хирадмандон аст:
рӯйбинӣ кардан дар доварӣ хуб нест+.
24 Касе ки ба шарир гӯяд: «Ту одил ҳастӣ»,
қавмҳо ба вай лаънат хоҳанд хонд, қабилаҳо аз вай нафрат хоҳанд кард,+
25 Вале онҳое ки ӯро мазаммат мекунанд, хурсанд хоҳанд шуд,
ва баракати хайрхоҳӣ бар онҳо хоҳад омад.
26 Касе ки бо суханони дуруст ҷавоб гардонад, лабҳоро мебӯсад.
27 Барои кори худ дар берун тадорук намо,
ва онро дар киштзори худ ба тартиб овар,
ва баъд хонаи худро низ бино бикун.
28 Ба зидди ёри худ шоҳиди ноҳақ набош;
чаро бо лабҳои худ мехоҳӣ фиреб диҳӣ+?
29 Нагӯй: «Чӣ гунае ки вай ба ман рафтор кард,
ман низ ба вай ҳамон гуна рафтор мекунам;
ба ин одам мувофиқи кирдораш подош медиҳам»+.
30 Аз киштзори шахси коҳиле мегузаштам,
ва аз токзори одами беақл,
31 Ва инак, ҳамаи инро хорҳо зер кардааст,
рӯяшро газна пӯшидааст,
ва тавораи сангинаш вайрон шудааст.
32 Ва ман назар кардам, диққат додам,

дидам, сабақ гирифтам:
33 «Андак хоб, андак ғанаб,
андак даст дар бағал хобидан».
34 Вале бенавоии ту мисли роҳзан хоҳад омад,
ва мӯҳтоҷии ту — монанди шахси яроқнок+.

## Давоми он. Обрӯ мукофоти ҳикмат аст.

**5** [1] Инҳо низ масалҳои Сулаймон аст, ки одамони Ҳизқиё подшоҳи Яҳудо ҷамъ овардаанд+.

[2] Пӯшида доштани кор ҷалоли Худост,
ва тафтиш кардани кор ҷалоли подшоҳон аст+.
[3] Чунон ки осмон аз ҷиҳати баландияш ва замин аз ҷиҳати умқаш бошад,
онҷунон дили подшоҳон тафтишнопазир аст.
[4] Ғашро аз нуқра дур кун,
ва зарфе назди заргар пайдо мешавад;
[5] Шарирро аз ҳузури подшоҳ дур кун,
ва тахти ӯ бар адолат барқарор мегардад+.
[6] Дар ҳузури подшоҳ калонигарӣ накун,
ва дар ҷои бузургон наист,+
[7] Чунки беҳтар аст ба ту бигӯянд: «Болотар бинишин»,
аз ин ки ба ҳузури калоншавандае ки чашмонат ӯро дидааст, туро поёнтар фуроранд.
[8] Барои ҷанҷол хезондан шитоб накун,
зеро дар охири он,
вақте ки туро ёри ту расво кунад, чӣ кор мекунӣ?
[9] Ҷанҷоли худро бо ёри худ бикун,
вале сирри шахси дигарро ошкор накун:
[10] Мабодо касе ки бишнавад, туро мазаммат намояд,
ва бӯҳтони ту бимонад.
[11] Сухане ки дар мавқеаш гуфта шуда бошад,
мисли себҳои заррин аст, ки кандакориҳои нуқра доранд+.
[12] Панди хирадманд барои гӯши шунаво
мисли гӯшвораи тилло ва зевари зари сурх аст+.
[13] Қосиди амин барои фиристандагони худ
мисли салқинии барф дар рӯзи дарав аст,
чунки ҷони оғоёни худро қувват мебахшад+.
[14] Касе ки аз инъомҳои бардурӯғ фахр кунад,
мисли абрҳо ва шамоли беборон аст+.
[15] Бо сабурӣ мирро ба марҳамат моил кардан мумкин аст,
ва забони нарм устухонро мешиканад.

16 Агар асал ёфтӣ, ба қадри кофӣ бихӯр:
мабодо аз ҳад зиёд аз он сер шуда, қай кунӣ+.
17 Пои худро аз зуд-зуд рафтан ба хонаи ёри худ нигоҳ дор:
мабодо аз дидори ту сер шуда, аз ту нафрат кунад.
18 Касе ки ба зидди ёри худ шаҳодати дурӯғ диҳад,
мисли табарзин ва шамшер ва тири тез аст+.
19 Умед бастан ба хоин дар рӯзи сахт
мисли дандони лиққонак ва пои лағзанда аст.
20 Сурудани ғазалҳо барои дили ғамгин мисли кашидани либос дар
рӯзи сард
ва рехтани сирко бар ҷароҳат аст.
21 Агар душмани ту гурусна бошад, шикамии ӯро сер кун;
ва агар ташна бошад, ба ӯ об деҳ,+
22 Зеро ки бо чунин рафторат бар сари ӯ оташпораҳо фурӯ хоҳӣ рехт,
ва Худованд ба ту подош хоҳад дод+.
23 Боди шимолӣ боронро ба вуҷуд меоварад,
ва забони бӯҳтонгӯй — чеҳраҳои хашмгинро.
24 Зистан дар гӯшаи бом
беҳ аз зистан бо зани ситезакор дар хонаи фарох+.
25 Хабари хуш аз кишвари дур
мисли оби сард барои ҷони хаста аст+.
26 Одиле ки пеши шарир фурӯ меғалтад,
мисли чашмаи лойолуд ва манбаи вайрон аст.
27 Бисьёр асал хӯрдан хуб нест,
ва ҷалол он аст, ки кас ҷалоли худро маҳдуд намояд.
28 Касе ки бар рӯҳи худ ҳоким нест,
мисли шаҳри вайронаи беҳисор аст.

## Давоми он.

## Коҳилон ва дурӯғгӯён сазовори обрӯ нестанд.

6 [1] Чунон ки барф дар тобистон ва борон дар мавсими дарав бошад,
ончунон иззат ба аблаҳ муносиб нест+.
[2] Чунон ки мурғак мепарад, чунон ки фароштурук парвоз мекунад,
ончунон лаънати ноҳақ ба нишон намерасад+.
[3] Қамчин барои асп аст, халачӯб барои хар,
ва чӯб барои тахтапушти аблаҳон+.
[4] Ба аблаҳ мувофиқи беақлии вай ҷавоб надеҳ:
мабодо ту низ ба вай монанд шавӣ.
[5] Ба аблаҳ мувофиқи беақлии вай ҷавоб деҳ:
мабодо ба назари худаш хирадманд намояд+.
[6] Касе ки ба аблаҳ супорише диҳад,
ба пойҳои худ нуқсон мерасонад, худро ба азоб мемонад.
[7] Чунон ки соқҳои пои ланг печутоб мехӯрад,
ончунон масал дар даҳони аблаҳон аст.
[8] Касе ки аблаҳро иззат кунад, мисли касест,
ки санге дар фалахмон бимонад+.
[9] Чунон ки дар дасти маст хор медарояд,
ончунон масал дар даҳони аблаҳон аст.
[10] Оғо ҳама чизро вайрон мекунад,
агар аблаҳро киро кунад ва ё роҳгузаронро киро кунад.
[11] Чунон ки саг ба қаи худ бармегардад,
ончунон аблаҳ беақлии худро такрор мекунад+.
[12] Оё шахсеро дидаӣ, ки дар назари худаш хирадманд аст?
Умед аз аблаҳ, назар ба вай, бештар аст+.
[13] Коҳил мегӯяд: «Шер дар сари роҳ аст!
Асад дар миёни кӯчаҳост!»+
[14] Дарвоза бар ошиқ-маъшуқаш мегардад,
вале коҳил бар бистараш.
[15] Коҳил дасти худро дар табақ меандозад,
ва аз бурдани он ба даҳони худ монда мешавад+.
[16] Коҳил дар назари худ хирадмандтар аст

аз ҳафт касе ки бомулоҳиза ҷавоб медиҳанд.
[17] Касе ки ба ҷанҷоли дигарон дахолат кунад,
мисли роҳгузарест, ки сагро аз гӯшҳои он бидорад.
[18] Чунон ки касе, шӯхикунон,
шарораҳои оташ ва тирҳои марговар меандозад,
[19] Ончунон аст шахсе ки ёри худро фиреб диҳад ва гӯяд:
«Ман фақат шӯхӣ кардам».
[20] Ҳезум набошад — оташ хомӯш мешавад,
ва бадгӯӣ набошад — ситеза сокит мешавад+.
[21] Чунон ки ангишт барои оташпораҳо ва ҳезум барои оташ аст,
ончунон шахси ситезакор барои ҷанҷол хезондан аст.
[22] Суханони бадгӯй мисли таомҳои лазиз аст,
ва онҳо андаруни ботин фурӯ меравад+.
[23] Чунон ки ғаши нуқра бар зарфи сафолин андуда мешавад,
ончунон лабҳои оташбор ва дили пуркина аст+.
[24] Бадхоҳ бо лабҳои худ чашмбандӣ мекунад,
вале дар ботини худ макрро ҷо медиҳад;
[25] Бо овози нарм гап занад ҳам, ба сухани ӯ бовар накун,
чунки ҳафт зиштӣ дар дили ӯст;+
[26] Кинаи ӯ бо найранг рӯпӯш шавад ҳам,
оқибат бадии ӯ дар миёни ҷамоат ошкор мегардад.
[27] Касе ки чоҳ канад, худаш дар он фурӯ меғалтад,
ва касе ки санг ғелонад, он ба худаш бармегардад+.
[28] Забони дурӯғгуй ба касоне ки неш мезанад, кина дорад,
ва даҳони тамаллуқгӯй дом мениҳад.

## Давоми он. Огоҳӣ аз худситоӣ.

7 1 Аз рӯзи фардо фахр накун,
зеро намедонӣ, ки дар як рӯз чӣ ҳодиса рӯй медиҳад+.
2 Бигзор туро дигаре ситоиш намояд, на ин ки даҳони худат, —
бегонае, на ин ки лабҳои худат.
3 Санг гарон аст, ва рег вазнин,
вале хашми шахси беақл аз ҳар дуи онҳо гаронтар аст+.
4 Ғазаб бераҳм аст, ва хашм мисли селоб,
вале кист, ки тавонад пеши рашк истодагӣ кунад+?
5 Мазаммати ошкор
беҳ аз муҳаббати пинҳонӣ+.
6 Таънаҳои дӯст самимист,
вале бӯсаҳои бадхоҳ бисьёр аст+.
7 Ҷони сер аз шаҳд ҳам нафрат мекунад,
вале барои ҷони гурусна ҳар талхӣ ширин аст+.
8 Чунон ки мурғак аз лонаи худ овора мешавад,
despite
онҷунон аст касе ки аз макони худ овора шавад.
9 Равған ва атр дилро шод мекунад,
ва ширинии ёр аз машварати ҷонист.
10 Ёри худ ва ёри падари худро тарк накун,
ва дар рӯзи мусибати худ ба хонаи бародари худ нарав:
ҳамсояи наздик беҳ аз бародари дур+.
11 Эй писарам! Бохирад бош, ва дили маро шод гардон,
то ки ман ба бадгӯи худ тавонам ҷавоб диҳам+.
12 Шахси бофаросат мусибатро мебинад, пинҳон мешавад:
соддадилон гузашта мераванд, ва ҷазо меёбанд+.
13 Либоси ӯро бигир, чунки ба бегона зомин шудааст;
ва аз ӯ, ки зомини шахси ғайр аст, гарав бигир+.
14 Кас агар, субҳидам бармаҳал хеста, ёри худро бо овози баланд табрик гӯяд,
ин барои вай лаънат ҳисоб меёбад.
15 Чак-чаки шилқини бом дар рӯзи борон ва зани ситезакор баробар аст:+
16 Касе ки хоҳад варо ниҳон дорад, мисли касест, ки мехоҳад бодро ниҳон дорад,

ё равғанеро, ки дар кафи рости худ нигоҳ дошта бошад.
17 Оҳан оҳанро тез мекунад;
ҳамчунин одам симои ёри худро пардоз медиҳад.
18 Касе ки ба дарахти анҷир нигоҳубин кунад,
меваи онро хоҳад хӯрд;
ҳамчунин касе ки оғои худро нигоҳдорӣ кунад,
иззат хоҳад ёфт+.
19 Чунон ки дар об чеҳра акси чеҳра бошад,
ончунон дили одам акси одам аст.
20 Асфалуссофилин ва эъдом сер намешаванд;
ҳамчунин чашмони одам сер намешавад+.
21 Бӯта барои нуқра аст, ва кӯра — барои тилло;
вале одам аз рӯи таърифи ӯ озмуда мешавад+.
22 Агар беақлро дар ҳован дар миёни дону дун бо ҳовандаста бикӯбӣ,
беақлии вай аз вай ҷудо намешавад.
23 Аз аҳволи чорвои худ ба хубӣ хабардор бош,
ба рамаҳо ғамхорӣ намо,
24 Зеро ки сарват абадӣ нест,
тоҷ ҳам магар аз насл ба насл аст+?
25 Вақте ки алаф аз назар ғоиб шуд, ва сабза неш зада баромад,
ва гиёҳҳои кӯҳӣ ғундошта мешавад,
26 Гӯсфандон барои либоси туст,
ва такаҳо — барои нархи замин.
27 Ва шири бузҳо барои хӯроки ту,
барои хӯроки аҳли байти ту
ва барои ризқу рӯзии канизони ту кофист.

## Давоми он.

## Иззат ба порсоён; лаънат ба шарирон.

8 [1] Шарирон мегурезанд, дар сурате ки таъқибкунандае нест;
вале одилон мисли шер далеранд+.
[2] Вақте ки мамлакат исьён кунад, сардоронаш бисьёр мешаванд,
вале ба воситаи одами бохирад ва доно умри он дароз мегардад+.
[3] Бенавое ки ба мансаби олӣ расида, ба мискинон зулм кунад,
мисли борони сел аст, ки ғалладонаро шуста мебарад+.
[4] Тарккунандагони шариат шариронро ситоиш менамоянд,
вале риоякунандагони шариат ба онҳо мухолиф мебароянд.
[5] Мардуми бадрафтор инсофро намефаҳманд,
вале толибони Худованд онро ҳамеша мефаҳманд.
[6] Бенавое ки бо роҳи рости худ равон аст,
беҳ аз қаҷраве ки сарватдор бошад+.
[7] Нигоҳдорандаи шариат писари бофаҳм аст,
вале ҷӯраи шикампарастон падари худро расво мекунад.
[8] Касе ки сарвати худро бо суд ва рибо афзун намояд,
онро барои хайрхоҳи мискинон ғун мекунад+.
[9] Касе ки гӯши худро аз шунидани шариат дур кунад,
дуои вай низ зишт аст+.
[10] Касе ки росткоронро гумроҳ карда, ба роҳи бад андозад,
худаш дар чоҳи худ фурӯ меғалтад,
вале беайбон мероси некӯ пайдо мекунанд+.
[11] Шахси сарватдор дар назари худ хирадманд аст,
вале бенавои бофаҳм ӯро хуб мешиносад+.
[12] Вақте ки одилон шод шаванд, ифтихормандӣ бузург аст;
вале вақте ки шарирон мартаба ёбанд, мардум ноёб мешаванд+.
[13] Касе ки ҷиноятҳои худро пинҳон дорад, муваффақият намеёбад;
вале касе ки иқрор шавад ва онҳоро тарк кунад, сазовори раҳм мегардад+.
[14] Хушо касе ки ҳамеша аз гуноҳ метарсад!
Вале касе ки дили худро сахт кунад, ба бало гирифтор мешавад.
[15] Ҳокими шарир бар қавми бенаво
мисли шери ғуррон ва хирси ташнаҷигар аст+.

16 Сардори нофаҳм бисьёр ситам мекунад;
душмани ришва умри худро дароз мекунад.
17 Одаме ки хуни касе ба гарданаш бошад, то ба гӯр мегурезад;
зинҳор касе ӯро дастгирӣ накунад+.
18 Ростра раҳо мешавад,
вале каҷрав якбора фурӯ меғалтад+.
19 Касе ки замини худро кор кунад, аз нон сер мегардад,
вале касе ки аз паи корҳои ҳеҷу пуч шавад, аз бенавоӣ сер мегардад+.
20 Шахси амин баракати бисьёр мeёбад,
вале касе ки аз паи сарват шитоб кунад, беҷазо намемонад+.
21 Рӯйбинӣ кардан хуб нест;
аз барои як бурда нон ҳам кас ҷиноят мекунад+.
22 Бахил аз паи сарват мешитобад,
ва намедонад, ки бенавоӣ ба сари ӯ меояд+.
23 Шахсе ки одамеро мазаммат кунад, оқибат бештар писанд меояд,
назар ба шахсе ки бо забонаш тамаллуқ намояд+.
24 Касе ки падару модари худро тороҷ карда,
мегӯяд, ки «ин гуноҳ нест», —
шарики шахсони зараровар аст+.
25 Тамаъкор низоъ меандозад,
вале касе ки ба Худованд таваккал намояд, некрӯз мегардад+.
26 Касе ки аз худаш дилпур бошад, аблаҳ аст,
вале касе ки бо хирад рафтор кунад, раҳо хоҳад шуд.
27 Касе ки ба мискин ёрдам диҳад, мӯҳтоҷӣ нахоҳад кашид,
вале касе ки чашмони худро пӯшонад, ба лаънати бисьёр дучор хоҳад шуд+.
28 Вақте ки шарирон мартаба ёбанд, мардум пинҳон мешаванд;
вале вақте ки онҳо нест шаванд, одилон афзоиш мeёбанд+.

## Давоми он. Ҳикмат некӯӣ меоварад;
## гуноҳ ва шарорат ба ҳалокат бурда мерасонад.

9 [1] Шахсе ки мазамматҳоро шунида, гарданкашӣ кунад,
баногоҳ шикаст хоҳад хӯрд, ва ӯро паноҳгоҳе нахоҳад буд+.
[2] Вақте ки одилон ҳоким бошанд, қавм шод мегарданд;
вале вақте ки шарир ҳукмфармо шавад, қавм оҳу нола мекунанд+.
[3] Касе ки ҳикматро дӯст дорад, падари худро шод мекунад;
вале фоҳишабоз дороии худро исроф менамояд+.
[4] Подшоҳ мамлакатро бо адлу инсоф устувор мегардонад,
вале шахсе ки боҷу хироҷи зиёд меситонад,
онро хароб мекунад.
[5] Шахсе ки ба ёри худ тамаллуқ гӯяд,
ба пойҳои вай дом мениҳад+.
[6] Шарир ба доми ҷинояташ гирифтор хоҳад шуд,
вале одил дилхушӣ ва хурсандӣ мекунад+.
[7] Одил ба даъвои бенавоён диққат медиҳад;
шарир ба он сарфаҳм намеравад+.
[8] Мардуми масхарабоз шаҳрро ба шӯр меоваранд,
вале хирадмандон ҷидолро хомӯш мекунанд+.
[9] Агар шахси хирадманд бо шахси беақл муҳокима намояд,
беақл гоҳе ба хашм меояд ва гоҳе механдад, ва ӯро оромише нест.
[10] Хунхӯрон аз шахси беайб нафрат доранд,
вале росткорон офияти ҷони ӯро хоҳонанд+.
[11] Аблаҳ тамоми хашми худро берун меоварад,
вале хирадманд охируламр онро сокит мекунад+.
[12] Агар ҳоким ба суханони дурӯғ гӯш андозад,
ҳамаи хизматгузорони ӯ шарир мешаванд.
[13] Бенаво ва шахси дасисакор бо ҳамдигар вомехӯранд;
ба чашмони ҳар дуи онҳо нурбахш Худованд аст+.
[14] Агар подшоҳ мискинонро ба ростӣ доварӣ намояд,
тахти ӯ ба сурати абадӣ устувор мегардад+.
[15] Чӯби адаб ҳикмат мебахшад;
вале бачаи беназорат модари худро нангин мекунад+.
[16] Бо афзоиши шарирон ҷиноят меафзояд,

вале одилон мағлубияти онҳоро хоҳанд дид+.
17 Писари худро таъдиб намо, ва ӯ боиси оромиши ту мегардад,
ва ҷони туро ҳаловат мебахшад+.
18 Бе ваҳй қавм беқайд мешаванд, ва хушо касе ки шариатро риоят мекунад!+
19 Ғулом аз суханон сабақ намегирад,
зеро ки, онҳоро фаҳмад ҳам, итоат намекунад.
20 Оё шахсеро дидаӣ, ки дар сухан гуфтан шитоб мекунад?
Умед аз аблаҳ, назар ба вай, бештар аст+.
21 Кас агар ғуломи худро аз бачагӣ нозпарвард кунад,
вай оқибат мехоҳад писар шавад.
22 Шахси хашмгин ситеза меангезад,
ва тундмизоҷ бисьёр ҷиноят мекунад+.
23 Ғурури одам варо хор мекунад,
вале шахси фурӯтан ҷалол меёбад+.
24 Касе ки бо дузд шарик шавад, ба ҷони худ душман аст:
қасам мехӯрад, вале намегӯяд+.
25 Тарсончакии одам ба дом меоварад,
вале касе ки ба Худованд таваккал кунад, аз хатар эмин аст+.
26 Бисьёр касон дидори ҳокимро толибанд,
вале қазои одам аз ҷониби Худованд аст+.
27 Шахси ноинсоф назди одилон зишт аст,
ва ростравро назди шарир зишт аст.

## Суханони ҳикматноки Огур.

30 [1] Суханони Огур ибни Ёқеи Массоӣ.
Гуфтори ин мард ба Итиэл, ба Итиэл ва Ухол:
[2] Яқинан, ман аз ҳар кас ҷоҳилтар ҳастам,
ва хиради одамӣ дар ман нест.
[3] Ва ҳикмат наомӯхтаам,
то ки шинохтани Қуддусро бидонам.
[4] Кист, ки ба осмон сууд кард ва аз он ҷо нозил шуд?
Кист, ки бодро дар мушти худ ҷамъ кард?
Кист, ки обро дар пероҳан банд кард?
Кист, ки тамоми ақсои заминро барқарор кард?
Номи ӯ чист ва номи писари ӯ чист? Оё медонӣ+?
[5] Ҳар сухани Худо покиза аст;
Ӯ барои онҳое ки ба Ӯ паноҳ мебаранд, сипар аст+.
[6] Ба суханони Ӯ чизе илова накун:
мабодо туро мазаммат намояд, ва ту дурӯғгӯй шавӣ+.
[7] Ду чиз аз Ту мепурсам; онҳоро барои ман,
пеш аз он ки бимирам, манъ нанамо:
[8] Ҳеҷу пуч ва дурӯғро аз ман дур соз,
бенавоӣ ва сарватро ба ман надеҳ,
ризқу рӯзӣ ба ман бирасон:+
[9] Мабодо бисьёр сер шуда, Туро инкор кунам ва бигӯям:
«Худованд кист?»
Ва мабодо бенаво шуда, дуздӣ кунам
ва исми Худои худро беҳурмат созам+.
[10] Ғуломро ба оғои вай бадгӯӣ накун:
мабодо вай туро лаънат кунад, ва ту айбдор шавӣ+.
[11] Насле ҳастанд, ки падари худро лаънат мекунанд
ва модари худро табрик намегӯянд+.
[12] Насле ҳастанд, ки дар назари худ пок мебошанд,
ва ҳол он ки аз наҷосати худ шуста нашудаанд+.
[13] Насле ҳастанд, ки — оҳ, чашмонашон чӣ гуна ҳавобаландона аст,
ва мижгонашон чӣ гуна барафрошта!+
[14] Насле ҳастанд, ки дандонҳошон шамшерҳост,
ва дандонҳои осиёашон — кордҳо,

то ки бенавоёнро аз рӯи замин ва мискинонро аз миёни одамон
бихӯранд+.
15 Шуллук ду духтар дорад:
«Бидеҳ, бидеҳ!»
Инак се чизе ки сер намешаванд,
ва чор чизе ки намегӯянд: «Бас!»
16 Асфалуссофилин ва батни нозой,
замине ки аз об сер намешавад,
ва оташе ки намегӯяд: «Бас!»
17 Чашме ки падарро тамасхур мекунад
ва аз итоати модар нафрат дорад,
зоғони водӣ онро нӯл зада мекананд,
ва бачаҳои уқоб онро мехӯранд+.
18 Инак се чизе ки барои ман ақлнорас аст,
ва чор чизе ки ман намефаҳмам:+
19 Роҳи уқоб дар осмон,
роҳи мор бар кӯҳпора,
роҳи киштӣ дар миёни баҳр
ва роҳи мард сӯи ҷавондухтар.
20 Ҳамчунин роҳи зани зинокор:
мехӯрад, ва даҳони худро пок мекунад,
ва мегӯяд: «Кори баде накардаам».
21 Аз се чиз замин меларзад,
ва чор чизро наметавонад бардорад:
22 Ғуломеро, ки подшоҳ мешавад;
нокасеро, ки аз нон сер мешавад;+
23 Зани нафратангезеро, ки ба шавҳар мерасад,
ва канизеро, ки ҷойгири хотуни худ мешавад.
24 Чор ҷонвари хурд дар рӯи замин ҳастанд,
вале онҳо бағоят бохирад мебошанд:
25 Мӯрчаҳо, ки қавми паҳлавон нестанд,
вале хӯроки худро тобистон тайёр мекунанд;+
26 Заргӯшҳо, ки қавми пурзӯр нестанд,
вале хонаи худро дар сахра буньёд мекунанд;
27 Малах, ки подшоҳ надорад,
вале саросар саф баста берун меояд;+

28 Калтакалос, ки бо даст дошта мешавад,
вале вай дар қасрҳои подшоҳон мебошад.
29 Се ҷонвари мавзунқадам ҳастанд,
ва чор ҷонвари хушрафтор:
30 Шере ки дар миёни ҳайвонот зӯровар аст
ва аз пеши ҳеҷ кадоме қафо намеравад;
31 Аспи чоргома, ва така,
ва подшоҳе ки қавмаш ҳамроҳи ӯст.
32 Агар ба туфайли ҳавобаландии худ разилӣ кардаӣ,
ва агар соҳибфикр ҳастӣ, даст бар даҳон бимон,+
33 Зеро, чунон ки аз фишор додани шир маска берун меояд,
ва аз фишор додани бинӣ хун берун меояд,
ончунон аз фишор додани хашм ҷанҷол берун меояд.

## Суханони подшоҳ Лемуил.

1 [1] Суханони Лемуил, подшоҳи Массо, ки модараш ба ӯ таълим
додааст:
[2] Эй писарам,
ва эй писари батнам,
ва эй писари назрҳоям!
[3] Қуввати худро ба занон надеҳ,
ва роҳҳои худро ба он чи подшоҳонро маҳв мекунад+.
[4] Подшоҳонро шоиста нест, эй Лемуил,
подшоҳонро шоиста нест, ки шароб нӯшанд,
ва миронро, ки бӯза талаб кунанд:+
[5] Мабодо бинӯшанд ва қонунро фаромӯш кунанд,
ва доварии тамоми аҳли фақрро таҳриф намоянд.
[6] Бӯзаро ба гирифтори ҳалокат бидеҳ,
ва шаробро — ба ҷонҳои талхком+.
[7] Бигзор вай нӯшида, бенавоии худро фаромӯш кунад,
ва азоби худро дигар ба ёд наоварад.
[8] Даҳони худро барои безабон воз кун,
ва барои даъвои тамоми аҳли эҳтиёҷ+.
[9] Даҳони худро барои адлу инсоф воз кун,
ва барои даъвои бенаво ва мискин+.
[10] Зани солеҳаро кист, ки тавонад биёбад?
Баҳои вай аз ҷавоҳир гаронтар аст+.
[11] Шавҳари вай аз вай дилпур аст,
ва ғанимати ӯ камӣ нахоҳад кард.
[12] Вай тамоми айёми умри худ
ба ӯ некӣ мекунад, ва на бадӣ.
[13] Пашм ва катон пайдо мекунад,
ва бо шавқу ҳавас бо дастҳои худ кор мекунад.
[14] Вай мисли киштиҳои тоҷирон аст:
хӯроки худро аз дур ёфта меоварад.
[15] Ва ҳангоме ки ҳанӯз шаб аст,
вай бархоста, ба аҳли байти худ хӯрок
ва ба канизони худ ротиба медиҳад+.
[16] Ба фикри киштзор афтода, онро мехарад;

аз самари дастҳои худ ниҳолҳои ток мешинонад.
17 Камари худро маҳкам мебандад,
ва дасту остин бармезанад.
18 Чун мебинад, ки доду муомилай вай хуб аст,
чароғи вай шабона хомӯш намешавад.
19 Дастҳои худро сӯи чархи ресмонресӣ дароз мекунад,
ва кафҳои вай дугро нигоҳ медорад.
20 Кафи худро барои бенаво мекушояд,
ва дастҳои худро сӯи мискин дароз мекунад+.
21 Оид ба аҳли байти худ аз барф наметарсад,
чунки тамоми аҳли байти вай либоси пашмин пӯшидаанд.
22 Барои худ қолинҳо мебофад;
катон ва арғувон пероҳани вай аст.
23 Шавҳари вай назди дарвозаҳо машҳур аст,
вақте ки бо пирони сарзамин менишинад.
24 Вай яктакҳои катон дӯхта мефурӯшад,
ва камарбандҳо ба тоҷирон медиҳад.
25 Қувват ва шавкат пероҳани вай аст,
ва оид ба рӯзи оянда вай механдад.
26 Даҳони худро ба ҳикмат мекушояд,
ва таълими ҳалимона бар забони вай аст.
27 Ба рӯзгори хонаи худ назорат мекунад,
ва нони коҳилиро намехӯрад.
28 Фарзандони вай бархоста,
ба вай аҳсан мегӯянд, шавҳари вай низ варо ситоиш мекунад:
29 «Духтарони бисьёр корҳои нек кардаанд,
вале ту аз ҳамаи онҳо бартарӣ дорӣ».
30 Латофат назарфиреб ва ҳусну ҷамол ҳеҷу пуч аст;
зане ки аз Худованд метарсад, сазовори ситоиш аст.
31 Ба вай аз самари дастҳои вай бидиҳед,
ва бигзор корҳояш варо назди дарвозаҳо ҳамд гӯяд!+

---

+ 1:1 3 Подш. 4:31, Мас. 10:1, Мас. 25:1, Воиз 12:9

+ 1:3 Мас. 2:9

+ 1:4 Мас. 8:5

+ 1:7 Айюб 28:28, Заб. 110:10, Мас. 8:13, Мас. 9:10, Мас. 16:6

+ 1:8 Мас. 6:20

+ 1:9 Мас. 4:9

+ 1:10 Так. Шар. 13:8, Мас. 16:29

+ 1:11 Заб. 9:30, Заб. 63:5, Ирм. 5:26

+ 1:12 Ад. 16:32-33, Заб. 123:3, Заб. 27:1

+ 1:15 Заб. 1:1, Мас. 4:14, Мас. 24:1

+ 1:16 Мас. 6:18, Иш. 59:7, Рум. 3:15

+ 1:19 Мас. 15:27

+ 1:20 Мас. 8:1, Мас. 9:3

+ 1:22 Мас. 8:5, Заб. 1:1, Мас. 21:24

+ 1:24 Иш. 65:12, Иш. 66:4, Ирм. 7:13

+ 1:25 Заб. 106:11

+ 1:26 Заб. 2:4

+ 1:28 1 Подш. 8:18, Айюб 27:8-9, Иш. 1:15, Ирм. 11:11, Ҳиз. 8:18, Мик. 3:4

+ 1:31 Ирм. 6:19

+ 2:1 Мас. 1:8

+ 2:4 Мас. 3:14

+ 2:5 Мас. 1:7

+ 2:6 3 Подш. 3:9-12, Яъқ. 1:5

+ 2:7 Мас. 30:5

+ 2:8 1 Подш. 2:9, Заб. 90:11

+ 2:9 Мас. 1:3

+ 2:14 Мас. 10:23, Мас. 15:21, Ирм. 11:15

+ 2:15 Заб. 124:5, Мас. 14:2

+ 2:16 Мас. 6:24, Мас. 7:5, Мас. 23:27

+ 2:18 Мас. 5:5, Мас. 7:27

+ 2:21 Заб. 36:11, Мат. 5:5

+ 2:22 Мас. 10:30

+ 3:1 Мас. 1:8

+ 3:2 Мас. 3:16, Мас. 4:10, Мас. 9:11, Мас. 10:27

+ 3:3 Мас. 6:21, Мас. 7:3

+ 3:5 Заб. 36:5

+ 3:6 Мас. 11:5

+ 3:7 Мас. 12:15, Ирм. 9:23, Айюб 28:28

+ 3:9 Хур. 23:19, Хур. 34:26, Так. Шар. 26:2

+ 3:10 Так. Шар. 28:8, Мал. 3:10

+ 3:11 Заб. 93:12, Айюб 5:17

+ 3:12 Так. Шар. 8:5, 1 Қӯр. 11:32, Ибр. 12:6, Ваҳй 3:19

+ 3:14 Айюб 28:15, Мас. 8:19, Мас. 16:16

+ 3:15 Айюб 28:18, Мас. 8:11

+ 3:16 Мас. 3:2, Мас. 4:10, Мас. 9:11, Мас. 10:27, Мас. 8:18, Мас. 22:4

+ 3:18 Ҳас. 2:9, Ҳас. 3:22, Мас. 11:30, Мас. 13:12, Мас. 15:4

+ 3:19 Заб. 103:24, Мас. 8:27, Ирм. 10:12, Заб. 135:5

+ 3:20 Ҳас. 7:11, Айюб 36:27

+ 3:23 Мас. 10:9, Заб. 90:12, Мас. 4:12

+ 3:24 Айюб 11:19

+ 3:25 Заб. 90:5

+ 3:27 Ғал. 6:10

+ 3:28 Иб. 19:13, Так. Шар. 24:14-15

+ 3:31 Заб. 36:1, Мас. 23:17, Мас. 24:1, Мас. 24:19

+ 3:33 Зак. 5:4, Мал. 2:2, Айюб 8:6, Мас. 14:11

+ 3:34 Заб. 1:1, Яъқ. 4:6, 1 Пет. 5:5

+ 4:1 Мас. 1:8

+ 4:4 1 Вақ. 28:9, Иб. 18:5, Иш. 55:3

+ 4:8 1 Подш. 2:30

+ 4:9 Мас. 1:9

+ 4:10 Мас. 3:2, Мас. 3:16, Мас. 9:11, Мас. 10:27

+ 4:12 Мас. 3:23

+ 4:13 Мас. 3:18

+ 4:14 Заб. 1:1, Мас. 1:15

+ 4:16 Заб. 35:5, Мик. 2:1

+ 4:18 Айюб 11:17, Айюб 22:28, Заб. 96:11, Иш. 60:3, Дон. 12:3, Мат. 13:43

+ 4:19 1 Подш. 2:9, Ирм. 23:12, Юх. 12:35

+ 4:22 Мас. 14:30

+ 4:24 Мас. 6:12

+ 4:26 Ибр. 12:13

+ 4:27 Так. Шар. 5:32, Так. Шар. 28:14

+ 5:1 Мас. 4:20

+ 5:2 Мал. 2:7

+ 5:3 Мас. 2:16, Заб. 54:22

+ 5:4 Воиз 7:26

+ 5:5 Мас. 2:18, Мас. 7:27

+ 5:15 Сур. Сур. 4:15

+ 5:18 Так. Шар. 24:5

+ 5:21 2 Вак. 16:9, Заб. 138:3, Заб. 118:168, Ирм. 16:17, Ирм. 32:19

+ 6:1 Айюб 17:3

+ 6:5 Заб. 90:3

+ 6:6 Мас. 10:26, Мас. 18:9

+ 6:8 Мас. 30:25

+ 6:9 Мас. 19:15

+ 6:11 Мас. 13:4, Мас. 24:33-34, Воиз 4:5

+ 6:12 Мас. 16:27

+ 6:13 Мас. 10:19

+ 6:15 Иш. 30:13

+ 6:16 Айюб 5:19, Мас. 30:18

+ 6:17 Заб. 100:5, Мас. 16:5, Мас. 21:4, Мас. 12:22, Мас. 17:7, Заб. 119:2, Так. Шар. 19:10

+ 6:18 Ҳас. 6:5, Мас. 15:26, Мас. 1:16, Иш. 59:7, Рум. 3:15

+ 6:19 Хур. 20:16, Заб. 26:12

+ 6:20 Мас. 1:8

+ 6:21 Мас. 3:3

+ 6:23 Заб. 118:105, Мас. 10:17

+ 6:24 Мас. 2:16

+ 6:25 Мат. 5:28

+ 6:31 Хур. 22:4

+ 6:32 Хур. 20:14

+ 6:34 Мас. 27:4, Сур. Сур. 8:6

+ 7:1 Мас. 2:1

+ 7:2 Иб. 18:5, Мас. 4:4

+ 7:3 Мас. 3:3

+ 7:5 Мас. 2:16

+ 7:7 Мас. 1:4

+ 7:9 Айюб 24:15

+ 7:10 Ҳас. 38:14-15

+ 7:12 Мас. 23:28

+ 7:17 Заб. 44:9

+ 7:21 Мас. 5:3, Мас. 6:24

+ 7:22 Воиз 9:12

+ 7:27 Мас. 2:18, Мас. 5:5

+ 8:1 Мас. 1:20-21, Мас. 9:3

+ 8:5 Мас. 1:4, Мас. 1:22

+ 8:10 Заб. 18:11, Заб. 118:127, Мас. 3:14

+ 8:11 Мас. 3:15

+ 8:13 Мас. 1:7, Мас. 9:10, Мас. 16:6, Заб. 96:10, Мас. 4:24, Мас. 6:17

+ 8:14 Воиз 7:19

+ 8:17 Заб. 90:14, Юҳ. 14:21, Мат. 7:8

+ 8:18 Мас. 3:16, Мас. 22:4

+ 8:19 Мас. 3:14, Мас. 16:16

+ 8:22 Айюб 28:27, Ваҳй 3:14

+ 8:25 Айюб 15:7, Заб. 89:3

+ 8:27 Мас. 3:19

+ 8:28 Ҳас. 1:6

+ 8:29 Ҳас. 1:9, Ҳас. 1:10, Айюб 26:10, 1 Подш. 2:8, Заб. 23:2, Заб. 101:26, Заб. 103:5

+ 8:32 Заб. 118:1, Заб. 127:1

+ 8:35 Мас. 3:18, Мас. 4:22, Мас. 18:22

+ 9:2 Сур. Сур. 8:2

+ 9:3 Мас. 1:20, Мас. 8:1

+ 9:5 Юх. 7:37

+ 9:8 Заб. 140:5

+ 9:9 Мат. 13:12, Марқ. 4:25

+ 9:10 Айюб 28:28, Заб. 110:10, Мас. 1:7

+ 9:11 Мас. 3:2, Мас. 3:16, Мас. 4:10, Мас. 10:27

+ 9:13 Мас. 7:11

+ 9:17 Мас. 5:15, Мас. 20:17

+ 10:1 Мас. 1:1, Мас. 25:1, Мас. 15:20, Мас. 29:3, Мас. 17:21, Мас. 17:25

+ 10:2 Мас. 11:4, Мас. 11:6

+ 10:3 Айюб 4:7, Заб. 33:10-11, Заб. 36:25, Мас. 13:25

+ 10:4 Мас. 21:5

+ 10:7 Айюб 18:17, Заб. 33:17

+ 10:9 Заб. 22:4, Мас. 3:23, Мас. 28:18

+ 10:10 Мас. 6:13

+ 10:11 Заб. 35:10, Мас. 13:14, Мас. 14:27, Мас. 16:22

+ 10:12 Яъқ. 5:20, 1 Пет. 4:8

+ 10:13 Мас. 19:29, Мас. 26:3

+ 10:14 Мас. 18:7

+ 10:15 Мас. 18:11

+ 10:16 Мас. 11:19

+ 10:17 Мас. 6:23

+ 10:19 Мат. 12:36, Мас. 17:27, Воиз 5:2

+ 10:21 Ҳуш. 4:6

+ 10:23 Мас. 2:14, Ирм. 11:15

+ 10:24 Айюб 3:25, Иш. 66:4, Заб. 144:19

+ 10:25 Айюб 21:19, Мат. 7:27, Мас. 12:3

+ 10:26 Мас. 6:6

+ 10:27 Мас. 3:2, Мас. 3:16, Мас. 4:10, Мас. 9:11, Заб. 54:24

+ 10:28 Айюб 8:13, Мас. 11:7

+ 10:30 Мас. 2:21-22

+ 10:31 Заб. 36:30, Мас. 15:28

+ 11:1 Иб. 19:36, Так. Шар. 25:13, Мас. 16:11, Мас. 20:10, Мас. 20:23, Ҳиз. 45:10

+ 11:2 Мас. 16:18, Мас. 18:12, Мас. 29:23

+ 11:3 Мас. 13:6

+ 11:4 Айюб 36:19, Ҳиз. 7:19, Саф. 1:18, Мас. 10:2

+ 11:5 Мас. 3:6, Эст. 7:9, Заб. 7:16, Дон. 6:24

+ 11:6 Мас. 13:6

+ 11:7 Айюб 8:13, Мас. 10:28

+ 11:8 Мас. 21:18

+ 11:10 Эст. 8:15, Мас. 29:2

+ 11:11 Мас. 29:8

+ 11:13 Мас. 20:19

+ 11:14 Мас. 15:22, Мас. 20:18, Мас. 24:6

+ 11:18 Ҳуш. 10:12, Ғал. 6:8

+ 11:19 Мас. 10:16

+ 11:20 Заб. 118:1

+ 11:21 Мас. 16:5, Заб. 111:2

+ 11:24 Мас. 13:7, 2 Қӯр. 9:6

+ 11:25 Заб. 111:9

+ 11:26 Ҳас. 42:6

+ 11:27 Эст. 7:9, Заб. 7:16, Мас. 26:27, Дон. 6:24

+ 11:28 Заб. 48:7, Заб. 91:13

+ 11:30 Ҳас. 2:9, Ҳас. 3:22, Мас. 3:18, Мас. 13:12, Мас. 15:4

+ 11:31 1 Пет. 4:18

+ 12:1 Мас. 15:10

+ 12:3 Мас. 10:25

+ 12:4 Рут 3:11, Мас. 18:22, Мас. 31:10, Мас. 14:30

+ 12:5 Мат. 12:35

+ 12:6 Заб. 9:30, Заб. 63:5, Ирм. 5:26, Мас. 14:3

+ 12:10 Так. Шар. 25:4

+ 12:11 Мас. 28:19

+ 12:13 Заб. 58:13, Мас. 18:7, Мас. 21:23

+ 12:14 Мас. 13:2, Мас. 18:20, Иш. 3:10, Ирм. 22:15

+ 12:15 Мас. 3:7

+ 12:16 Мас. 29:11

+ 12:17 Мас. 14:5

+ 12:18 Заб. 56:5, Мас. 4:22

+ 12:19 Мас. 19:9

+ 12:21 Заб. 90:10

+ 12:22 Мас. 6:17

+ 12:23 Мас. 13:16

+ 13:1 Мас. 1:22, Заб. 1:1

+ 13:2 Мас. 12:14, Мас. 18:20

+ 13:3 Мас. 12:13, Мас. 21:23

+ 13:4 Мас. 6:9-11, Мас. 21:25

+ 13:6 Мас. 11:6, Мас. 11:3, Мас. 19:3

+ 13:7 Мас. 11:24

+ 13:9 Айюб 18:5-6, Айюб 21:17

+ 13:10 Мас. 28:25

+ 13:12 Ҳас. 2:9, Ҳас. 3:22, Мас. 3:18, Мас. 11:30, Мас. 15:4

+ 13:14 Заб. 35:10, Мас. 10:11

+ 13:16 Воиз 10:3

+ 13:17 Мас. 25:13

+ 13:18 Мас. 15:31-32, Воиз 7:5

+ 13:22 Айюб 27:16, Мас. 28:8

+ 13:24 Мас. 19:18, Мас. 22:15, Мас. 23:13, Мас. 29:17

+ 13:25 Мас. 10:3

+ 14:2 Мас. 2:15

+ 14:3 Мас. 12:6

+ 14:5 Хур. 23:1, Мас. 12:17

+ 14:6 Мас. 15:14

+ 14:11 Мас. 3:33

+ 14:12 Мас. 16:25

+ 14:13 Воиз 2:2, Луқ. 6:25

+ 14:19 Ҳас. 42:6, 1 Подш. 2:36

+ 14:20 Мас. 19:7, Мас. 19:4

+ 14:21 Заб. 40:2, Мас. 29:7

+ 14:23 Мас. 21:5

+ 14:27 Заб. 35:10, Мас. 10:11, Мас. 13:14

+ 14:29 Мас. 15:18, Мас. 16:32, Мас. 19:11, Воиз 7:8-9

+ 14:30 Мас. 4:22, Мас. 12:4

+ 14:31 Мас. 17:5

+ 15:1 Дов. 8:1-3, 3 Подш. 12:13-17

+ 15:2 Воиз 10:13-14

+ 15:3 2 Вак. 16:9, Айюб 31:4, Зак. 4:10

+ 15:4 Ҳас. 2:9, Ҳас. 3:22, Мас. 3:18, Мас. 11:30, Мас. 13:12

+ 15:8 Мас. 21:27, Мас. 28:9, Иш. 1:11, Иш. 66:3, Ирм. 6:20, Воиз 4:17

+ 15:10 Мас. 12:1

+ 15:11 Мас. 27:20, Айюб 26:6, 1 Вақ. 28:9, 2 Вак. 6:30, Заб. 43:20, Аъм. 1:24

+ 15:12 Ом. 5:10

+ 15:13 Мас. 17:22, Наҳ. 2:2, Мас. 18:14

+ 15:14 Мас. 14:6

+ 15:16 Мас. 16:8, Воиз 4:6

+ 15:17 Мас. 17:1

+ 15:18 Мас. 28:25, Мас. 29:22, Мас. 14:29

+ 15:19 Мас. 19:24, Мас. 22:5, Мас. 22:13

+ 15:20 Мас. 10:1, Мас. 29:3

+ 15:21 Мас. 2:14, Мас. 10:23, Ирм. 11:15

+ 15:22 Мас. 11:14, Мас. 20:18, Мас. 24:6

+ 15:23 Мас. 25:11

+ 15:24 Қӯл. 3:1-2

+ 15:25 Заб. 67:6

+ 15:26 Мас. 6:18, Мас. 16:24

+ 15:27 Мас. 1:19, Мас. 23:4, 1 Тим. 6:9, Мас. 17:23

+ 15:28 Заб. 36:30, Мас. 10:31

+ 15:29 Заб. 17:42, Заб. 33:16

+ 15:30 Мас. 25:25

+ 15:32 Мас. 13:18, Воиз 7:5

+ 15:33 Мас. 18:12, Мас. 29:23

+ 16:1 Мас. 16:9, Мас. 19:21, Мат. 10:19, Луқ. 12:12

+ 16:2 Мас. 21:2, Мас. 24:12

+ 16:3 Заб. 36:5

+ 16:4 Айюб 21:30, Рум. 9:22

+ 16:5 Мас. 6:17, Мас. 11:21, Мас. 28:20

+ 16:6 Дон. 4:24

+ 16:7 Ҳас. 26:28

+ 16:8 Заб. 36:16, Мас. 15:16

+ 16:9 Мас. 16:1, Мас. 19:21, Мас. 20:24

+ 16:10 3 Подш. 3:28

+ 16:11 Иб. 19:36, Так. Шар. 25:13, Мас. 11:1, Мас. 20:10, Мас. 20:23, Ҳиз. 45:10

+ 16:12 2 Подш. 23:3, Мас. 25:5, Мас. 29:14

+ 16:13 Мас. 22:11

+ 16:14 Мас. 19:12, Мас. 20:2

+ 16:15 Заб. 71:6

+ 16:16 Мас. 3:14, Мас. 8:19

+ 16:18 Мас. 11:2, Мас. 18:12, Мас. 29:23

+ 16:20 Мас. 19:8, Заб. 83:13

+ 16:22 Заб. 35:10, Мас. 10:11, Мас. 13:14, Мас. 14:27

+ 16:24 Мас. 15:26

+ 16:25 Мас. 14:12

+ 16:26 Воиз 6:7

+ 16:27 Мас. 6:12, Яъқ. 3:6

+ 16:28 Мас. 26:20

+ 16:29 Мас. 1:10

+ 16:31 Мас. 20:29

+ 16:32 Мас. 14:29

+ 16:33 Аъм. 1:26

+ 17:1 Мас. 15:17

+ 17:2 Мас. 19:26

+ 17:3 Мас. 27:21, 1 Вақ. 28:9, 1 Вақ. 29:17, Заб. 25:2, Ирм. 17:10

+ 17:5 Мас. 14:31, Айюб 19:29, Мас. 24:18

+ 17:6 Заб. 127:6

+ 17:7 Мас. 6:17

+ 17:8 Так. Шар. 16:19, Мас. 18:16, Мас. 21:14

+ 17:12 2 Подш. 17:8, Ҳуш. 13:8

+ 17:13 Заб. 34:12, Ирм. 18:20

+ 17:14 Мас. 20:3, Мас. 25:8, 1 Тас. 4:11

+ 17:15 Хур. 23:7, Мас. 24:24, Иш. 5:23, Заб. 93:21

+ 17:17 Мас. 18:24, Мас. 27:10

+ 17:19 Мас. 29:23

+ 17:21 Мас. 10:1, Мас. 19:13

+ 17:22 Мас. 15:13

+ 17:23 Мас. 15:27, Мик. 7:3

+ 17:25 Мас. 10:1

+ 17:27 Мас. 10:19, Воиз 5:2

+ 17:28 Айюб 13:5

+ 18:4 Мас. 20:5

+ 18:5 Мас. 24:24, Так. Шар. 1:17

+ 18:6 Мас. 10:13, Мас. 19:29, Мас. 26:3

+ 18:7 Мас. 10:14, Заб. 63:8, Мас. 12:13, Воиз 10:12

+ 18:8 Мас. 26:22

+ 18:10 Хур. 34:5-7, Заб. 19:2, Заб. 60:4

+ 18:11 Мас. 10:15

+ 18:12 Мас. 11:2, Мас. 16:18, Мас. 15:33, Мас. 29:23

+ 18:14 Мас. 15:13

+ 18:16 Мас. 17:8

+ 18:20 Мас. 12:14, Мас. 13:2

+ 18:22 Мас. 12:4, Мас. 19:14, Мас. 8:35

+ 18:24 Мас. 17:17

+ 19:1 Мас. 28:6

+ 19:2 Мас. 21:5, Мас. 28:20

+ 19:3 Мас. 13:6

+ 19:4 Мас. 14:20

+ 19:5 Хур. 20:16, Так. Шар. 19:19, Мас. 21:28, Мас. 24:28, Мас. 25:18

+ 19:6 Мас. 29:26

+ 19:7 Мас. 14:20

+ 19:8 Мас. 16:20

+ 19:9 Хур. 20:16

+ 19:10 Мас. 26:1, Воиз 10:7

+ 19:11 Мас. 14:29

+ 19:12 Мас. 16:14, Мас. 20:2, Мас. 28:15

+ 19:13 Мас. 17:21, Мас. 21:9, Мас. 27:15

+ 19:14 Мас. 12:4, Мас. 18:22

+ 19:15 Мас. 6:9, Мас. 20:4, Мас. 20:13

+ 19:16 Мас. 13:13

+ 19:17 Так. Шар. 15:7-8, Мас. 22:9, Мас. 28:27, Воиз 11:1, Мат. 5:7

+ 19:18 Мас. 13:24

+ 19:21 Айюб 23:13, Мас. 16:1, Мас. 16:9, Иш. 14:27

+ 19:23 Мас. 10:16, Мас. 11:19

+ 19:24 Мас. 15:19, Мас. 22:13, Мас. 26:15

+ 19:25 Мас. 21:11

+ 19:26 Хур. 20:12

+ 19:28 Айюб 15:16

+ 19:29 Мас. 10:13, Мас. 18:6, Мас. 26:3

+ 20:1 Ҳас. 9:21, Мас. 23:29-32, Мас. 31:4, Эфс. 5:18

+ 20:2 Мас. 16:14, Мас. 19:12

+ 20:4 Мас. 19:15

+ 20:5 Мас. 18:4

+ 20:9 3 Подш. 8:46, 2 Вак. 6:36, Воиз 7:20, Яъқ. 1:21, 1 Юҳ. 1:8-10, Рум. 3:23

+ 20:10 Иб. 19:36, Так. Шар. 25:13, Мас. 11:1, Мас. 16:11, Мас. 20:23, Ҳиз. 45:10

+ 20:12 Хур. 4:11, Заб. 93:9

+ 20:13 Мас. 19:15

+ 20:16 Мас. 22:26-27, Мас. 27:13

+ 20:17 Мас. 9:17

+ 20:18 Мас. 11:14, Мас. 15:22, Мас. 24:6

+ 20:19 Мас. 11:13

+ 20:20 Хур. 21:17, Мас. 30:11, Мас. 30:17

+ 20:21 Мас. 13:11

+ 20:22 Иб. 19:18, Мас. 24:29, Рум. 12:19, Заб. 26:14

+ 20:23 Иб. 19:36, Так. Шар. 25:13, Мас. 11:1, Мас. 16:11, Мас. 20:10, Ҳиз. 45:10

+ 20:24 Мас. 16:1, Мас. 16:9, Мас. 19:21

+ 20:25 Воиз 5:4

+ 20:27 1 Қӯр. 2:11

+ 20:29 Иб. 19:32, Мас. 16:31

+ 21:1 Эзр. 6:22

+ 21:2 Мас. 16:2, Мас. 24:12, Лук. 16:15

+ 21:3 1 Подш. 15:22, Мик. 6:6-8

+ 21:4 Мас. 6:17

+ 21:5 Мас. 14:23, Мас. 10:4

+ 21:6 Мас. 20:21

+ 21:9 Мас. 19:13, Мас. 21:9, Мас. 25:24, Мас. 27:15

+ 21:11 Мас. 19:25

+ 21:13 1 Юҳ. 3:17

+ 21:14 Мас. 17:8

+ 21:16 Заб. 48:14-15

+ 21:18 Мас. 11:8

+ 21:19 Мас. 19:13, Мас. 25:24, Мас. 27:15

+ 21:22 Воиз 7:19, Воиз 9:16, Воиз 9:18

+ 21:23 Мас. 12:13, Мас. 13:3

+ 21:24 Заб. 1:1, Мас. 1:22

+ 21:25 Мас. 13:4

+ 21:26 Так. Шар. 15:7-8, Мат. 5:42

+ 21:27 Мас. 15:8, Иш. 66:3

+ 21:28 Хур. 20:16, Мас. 19:5

+ 21:30 Иш. 44:25, 1 Қӯр. 1:20, 1 Қӯр. 3:19

+ 21:31 Заб. 19:7-8, Заб. 32:17, Иш. 31:1

+ 22:1 Воиз 7:1

+ 22:2 Айюб 31:15, Мас. 29:13

+ 22:3 Мас. 27:12

+ 22:4 Мас. 3:16, Мас. 8:18

+ 22:5 Мас. 15:19

+ 22:6 Эфс. 6:4

+ 22:8 Айюб 4:8, Ғал. 6:7

+ 22:9 Мас. 19:17

+ 22:10 Мас. 26:20

+ 22:11 Мас. 16:13

+ 22:13 Мас. 15:19, Мас. 19:24, Мас. 26:13

+ 22:14 Мас. 2:16, Мас. 23:27, Воиз 7:26

+ 22:15 Мас. 13:24

+ 22:16 Мас. 28:22

+ 22:17 Мас. 5:1, Мас. 24:23

+ 22:22 Хур. 23:6, Зак. 7:10

+ 22:23 Мас. 23:11

+ 22:27 Мас. 20:16

+ 22:28 Так. Шар. 19:14, Айюб 24:2, Мас. 23:10

+ 23:4 Мас. 28:20, Мат. 6:19, 1 Тим. 6:9-10, Ибр. 13:5

+ 23:5 Мас. 27:24, 1 Тим. 6:17

+ 23:10 Так. Шар. 19:14, Айюб 24:2, Мас. 22:28

+ 23:11 Мас. 19:25, Мас. 22:23

+ 23:13 Мас. 13:24, Мас. 19:18, Мас. 22:15

+ 23:17 Заб. 36:1, Мас. 3:31, Мас. 24:1

+ 23:18 Мас. 24:14

+ 23:20 Мас. 20:1, Иш. 5:11-12, Эфс. 5:18

+ 23:22 Хур. 20:12, Мас. 1:8

+ 23:27 Мас. 22:14, Мас. 2:16, Воиз 7:26

+ 23:28 Мас. 7:12

+ 23:30 Иш. 5:11, Иш. 5:22

+ 23:31 Мас. 20:1

+ 23:35 Иш. 56:12

+ 24:1 Заб. 1:1, Заб. 36:1, Мас. 1:15, Мас. 3:31, Мас. 4:14, Мас. 23:17, Мас. 24:19

+ 24:2 Заб. 9:28

+ 24:4 Лук. 16:11

+ 24:5 Мас. 21:22

+ 24:6 Мас. 11:14, Мас. 15:22, Мас. 20:18

+ 24:9 Заб. 1:1, Мас. 3:34, Мас. 21:24

+ 24:10 Ибр. 12:3

+ 24:11 Заб. 81:4, Иш. 58:6

+ 24:12 Мас. 16:2, Мас. 21:2, Айюб 34:11, Заб. 61:13, Рум. 2:6

+ 24:13 Заб. 18:11

+ 24:14 Мас. 23:18

+ 24:15 Заб. 9:29

+ 24:16 Заб. 36:24

+ 24:17 Айюб 31:29, Мик. 7:8

+ 24:18 Мас. 17:5

+ 24:19 Ирм. 12:1, Заб. 36:1, Мас. 23:17, Мас. 24:1

+ 24:20 Айюб 18:5-6, Айюб 21:17, Мас. 13:9

+ 24:21 1 Пет. 2:17

+ 24:23 Иб. 19:15, Так. Шар. 1:17, Так. Шар. 16:19, Мас. 18:5, Мас. 28:21

+ 24:24 Хур. 23:7, Мас. 17:15, Иш. 5:23

+ 24:28 Хур. 20:16, Мас. 19:5, Мас. 25:18

+ 24:29 Мас. 20:22

+ 24:34 Мас. 6:10-11, Воиз 4:5

+ 25:1 Мас. 1:1, Мас. 10:1, 4 Подш. 18:5-7

+ 25:2 Так. Шар. 29:29

+ 25:5 3 Подш. 2:44-45, Мас. 16:12

+ 25:6 Лук. 14:8-11

+ 25:11 Мас. 15:23

+ 25:12 Заб. 140:5

+ 25:13 Мас. 13:17

+ 25:14 Ях. 1:12

+ 25:16 Мас. 27:7

+ 25:18 Хур. 20:16, Мас. 12:18, Мас. 19:5, Мас. 24:28

+ 25:21 4 Подш. 6:22, 2 Вак. 28:15, Мат. 5:44

+ 25:22 Заб. 139:11, Рум. 12:20

+ 25:24 Мас. 19:13, Мас. 21:9, Мас. 21:19

+ 25:25 Мас. 15:30

+ 26:1 Мас. 17:7, Мас. 19:10, Мас. 26:8

+ 26:2 Ад. 23:8, Так. Шар. 23:5

+ 26:3 Заб. 31:9, Заб. 31:9, Мас. 10:13, Мас. 19:29

+ 26:5 Мат. 21:24-27

+ 26:8 Мас. 26:1

+ 26:11 2 Пет. 2:22

+ 26:12 Мас. 28:11, Мас. 29:20

+ 26:13 Мас. 22:13

+ 26:15 Мас. 15:19, Мас. 19:24

+ 26:20 Мас. 16:28, Мас. 22:10

+ 26:22 Мас. 18:8

+ 26:23 Заб. 28:3, Ирм. 9:8, Мат. 23:27

+ 26:25 Ирм. 12:6

+ 26:27 Эст. 7:9, Заб. 7:16, Воиз 10:8, Дон. 6:24

+ 27:1 Луқ. 12:19-20, Яъқ. 4:13-14

+ 27:3 Айюб 6:3

+ 27:4 Мас. 6:34

+ 27:5 Мас. 28:23

+ 27:6 Заб. 140:5

+ 27:7 Мас. 25:16

+ 27:10 Мас. 17:17

+ 27:11 Заб. 118:42

+ 27:12 Мас. 22:3

+ 27:13 Мас. 20:16

+ 27:15 Мас. 19:13, Мас. 21:9, Мас. 25:24

+ 27:18 1 Қӯр. 9:7

+ 27:20 Мас. 15:11, Ҳаб. 2:5, Воиз 1:8, Воиз 4:8

+ 27:21 Мас. 17:3

+ 27:24 Мас. 23:5, 1 Тим. 6:17

+ 28:1 Иб. 26:17, 4 Подш. 7:7, Иб. 26:8, 1 Подш. 17:32

+ 28:2 3 Подш. 16:8-28, 4 Подш. 15:8-15

+ 28:3 Мат. 18:30

+ 28:6 Мас. 19:1

+ 28:8 Хур. 22:25, Мас. 13:22

+ 28:9 Заб. 65:18, Мас. 15:8

+ 28:10 Заб. 7:16, Мас. 26:27

+ 28:11 Мас. 26:12

+ 28:12 Мас. 11:10, Айюб 24:4, Мас. 28:28, Мас. 29:2

+ 28:13 Айюб 31:33, 1 Юҳ. 1:9

+ 28:15 Мас. 19:12

+ 28:17 Ҳас. 4:12, Ҳас. 9:6

+ 28:18 Мас. 10:9

+ 28:19 Мас. 12:11

+ 28:20 Мас. 19:2, Мас. 21:5, Мас. 23:4

+ 28:21 Мас. 18:5, Мас. 24:23, Ҳиз. 13:19

+ 28:22 Мас. 22:16

+ 28:23 Мас. 29:5, Мас. 27:5

+ 28:24 Хур. 20:12

+ 28:25 Мас. 13:10, Мас. 15:18

+ 28:27 Так. Шар. 15:7-8, Мас. 19:17

+ 28:28 Мас. 28:12

+ 29:1 Мас. 1:25, Мас. 6:15

+ 29:2 Мас. 11:10, Мас. 28:12, Мас. 28:28

+ 29:3 Мас. 10:1, Мас. 15:20, Луқ. 15:13, Луқ. 15:30

+ 29:5 Мас. 28:23

+ 29:6 Заб. 9:16

+ 29:7 Заб. 40:2

+ 29:8 Мас. 11:11

+ 29:10 Ҳас. 4:5, Ҳас. 4:8

+ 29:11 Айюб 5:2, Мас. 12:16

+ 29:13 Мас. 22:2

+ 29:14 Заб. 71:4, Мас. 16:12

+ 29:15 Мас. 10:1, Мас. 17:25

+ 29:16 Заб. 36:34, Заб. 90:8, Заб. 91:12

+ 29:17 Мас. 13:24

+ 29:18 1 Подш. 3:1, Заб. 73:9, Ом. 8:11, Хур. 32:25

+ 29:20 Мас. 26:12

+ 29:22 Мас. 15:18

+ 29:23 Мас. 11:2, Мас. 16:18, Мас. 18:12, Мас. 15:33, Мас. 18:12

+ 29:24 Иб. 5:1, Дов. 17:2

+ 29:25 Луқ. 12:4

+ 29:26 Мас. 19:6

+ 30:4 Юҳ. 3:13, Айюб 28:26, Иш. 40:12

+ 30:5 Заб. 11:7, Заб. 17:31, Заб. 3:3, Мас. 2:7

+ 30:6 Так. Шар. 4:2, Так. Шар. 12:32, Ваҳй 22:18

+ 30:8 Мат. 6:11, 1 Тим. 6:8

+ 30:9 Так. Шар. 8:12-14, Так. Шар. 31:20, Заб. 77:11, Заб. 105:21, Ҳуш. 13:6

+ 30:10 Воиз 7:21

+ 30:11 Хур. 21:17, Мас. 20:20

+ 30:12 Мас. 16:2

+ 30:13 Заб. 100:5

+ 30:14 Айюб 29:17, Заб. 13:4

+ 30:17 Ҳас. 9:22, Мас. 20:20

+ 30:18 Мас. 6:16

+ 30:22 Мас. 19:10

+ 30:25 Мас. 6:6-8

+ 30:27 Юил 2:7

+ 30:32 Айюб 21:5, Мик. 7:16

+ 31:3 Так. Шар. 17:17, 3 Подш. 11:1-4, Мас. 7:26

+ 31:4 Мас. 20:1, Воиз 10:17, Эфс. 5:18

+ 31:6 Заб. 103:15

+ 31:8 Айюб 29:12, Айюб 29:15

+ 31:9 Иб. 19:15, Так. Шар. 1:16, Так. Шар. 16:18-19

+ 31:10 Рут 3:11, Мас. 12:4, Мас. 3:15

+ 31:15 Мас. 20:13

+ 31:20 Так. Шар. 15:7-8, Мас. 22:9

+ 31:31 Мас. 11:16

*КИТОБИ*

# ВОИЗ

1 2 3 4 5 6 7 8 9 10

11 12

## Ҳама чиз ҳеҷу пуч аст.

1 Суханони Воиз ибни Довуд, ки дар Ерусалим подшоҳ буд+.
2 Ҳеҷу пуч аст, гуфт Воиз,
ҳеҷу пуч аст, ҳама чиз ҳеҷу пуч аст!+
3 Чӣ суд аст барои одамизод аз тамоми меҳнате ки дар таҳти офтоб мекунад+?

## Далел ин аст, ки ҳама чиз гузашта меравад.

4 Насле меравад, ва насле меояд,
вале замин то абад меистад+.
5 Офтоб тулӯъ мекунад, ва офтоб ғуруб мекунад,
ва ба макони худ, ки он ҷо вай тулӯъ мекунад, мешитобад+.
6 Бод сӯи ҷануб меравад
ва сӯи шимол чарх мезанад;
бод чарх зада-чарх зада меравад
ва ба доираҳои чархзании худ бармегардад.
7 Ҳамаи наҳрҳо сӯи баҳр ҷорӣ мешаванд,
вале баҳр пур намешавад;
ба маконе ки наҳрҳо аз он ҷо ҷорӣ мешаванд,
онҳо бармегарданд, то ки аз нав ҷорӣ шаванд+.
8 Ҳамаи чизҳо дилгиркунанда аст;
касе наметавонад инро ифода намояд,
чашм аз дидан сер намешавад,
ва гӯш аз шунидан пур намешавад+.
9 Он чи буд, ҳамон аст, ки хоҳад буд;
ва он корҳое ки карда шуд, ҳамон аст, ки карда хоҳад шуд,
ва ҳеҷ чизи тозае дар таҳти офтоб нест+.
10 Баъзан дар бораи чизе мегӯянд:
«Бубин, ана ин тоза аст!»
Аммо дар асрҳои қадиме ки пеш аз мо буд,
он чиз вуҷуд дошт.
11 Зикре аз гузаштагон нест,
ва низ аз ояндагон, ки меоянд, зикре нахоҳад буд назди онҳое ки баъдтар хоҳанд омад+.

## Сарфи назар аз ҳикмат ва дониш шарорат мавҷуд аст.

12 Ман, Воиз, дар Ерусалим подшоҳ бар Исроил будам;
13 Ва дили худро ба он ниҳодам, ки ҳар кореро, ки дар таҳти осмон
карда мешавад, бо ҳикмат тадқиқ ва тафтиш намоям; ин шуғли
нохуш аст, ки Худо насиби банӣ-одам кардааст, то ки аз он азият
кашанд+.
14 Ҳамаи корҳоеро, ки дар таҳти офтоб карда мешавад, дидам, ва
инак, ҳама ҳеҷу пуч ва бод паймудан аст!
15 Он чи кач аст, наметавонад рост шавад, ва он чи каму кост аст,
наметавонад ба шумор биёяд+.
16 Ман бо дили худ сухан ронда, гуфтам: «Инак, ман бузург шудам,
ва бештар аз ҳар касе ки пеш аз ман бар Ерусалим буд, ҳикмат зиёд
кардам, ва дили ман ҳикмат ва донишро бисьёр дид»+.
17 Ва дили худро ба донистани ҳикмат ва шинохтани фисқу фуҷур
ва ҳамоқат ниҳодам; вале фаҳмидам, ки ин низ бод паймудан аст.
18 Зеро ки ба қадри афзудани ҳикмат ғусса меафзояд, ва ҳар кӣ
донишро зиёд кунад, азоброро зиёд мекунад+.

## Бефоида будани ҳаловатҳои заминӣ.

**2** 1 Ман ба дили худ гуфтам: «Биё, туро бо айшу тараб биозмоям,
то хуширо пайдо кунам», — ва инак, ин низ ҳеҷу пуч аст!
2 Дар бораи ханда гуфтам: «Ҷунун аст!» Ва дар бораи айшу тараб:
«Ин чӣ нафъ мекунад?»+
3 Дар дили худ аҳд кардам, ки ҷисми худро бо шароб лаззат диҳам
ва, дар сурате ки дилам бо ҳикмат рафтор мекунад, ҳамоқатро низ
нигоҳ дорам, то бубинам, ки кадомаш барои банӣ-одам хуб аст, ки
онро дар таҳти осмон дар айёми ками ҳаёти худ ба амал оваранд.

## Сарват ва меҳнат қаноатмандии бардавоме намебахшанд.

4 Корҳои бузурге кардам: хонаҳо барои худ сохтам, токзорҳо
барои худ шинондам;+
5 Боғҳо ва фирдавсҳо барои худ барпо кардам, ва дар онҳо ҳар хел
дарахтони мевадор шинондам;+
6 Ҳавзҳои об барои худ сохтам, то ки аз онҳо бешаеро, ки дарахтон
дар он мерӯянд, обьёрӣ намоям;
7 Ғуломон ва канизон харидам, ва хоназодон доштам; ҳамчунин
бештар аз ҳамаи онҳое ки пеш аз ман дар Ерусалим буданд, рамаҳои
говон, гӯсфандон ва бузон доштам;
8 Нуқра ва тилло ва ганҷи подшоҳон ва кишварҳоро низ барои худ
ҷамъ кардам; мутрибон ва мутрибагон, ва ҳаловатҳои банӣ-одам, ва
бисьёр канизони ҳамхоба барои худ пайдо кардам+.
9 Ва бузург шудам, ва бештар аз ҳар касе ки пеш аз ман дар
Ерусалим буд, сарват зиёд кардам; ҳикматам низ мададгори ман
буд+.
10 Ва ҳар чизе ки чашмонам ҳавас кард, аз онҳо дареғ надоштам;
дили худро аз ҳеҷ айшу тараб боздорӣ накардам, чунки дилам аз ҳар
меҳнати ман шод мешуд, — ва насибаи ман аз ҳар меҳнатам ҳамин
буд.
11 Вале ман ба ҳамаи корҳои худ, ки дастҳоям карда буд, ва ба
меҳнате ки дар карданаш машаққат кашида будам, назар андохтам,
— ва инак, ҳама ҳеҷу пуч ва бод паймудан аст, ва дар таҳти офтоб
суде надорад!+

## Ҳикмат аз аблаҳӣ беҳтар аст,
## лекин ҳам ин ва ҳам он даргузар аст.

12 Ва ман назар андохтам, то ки ҳикмат ва фисқу фуҷур ва
ҳамоқатро бубинам, зеро одаме ки баъд аз подшоҳ меояд, чӣ коре
метавонад бикунад хубтар аз он ки пештар карда шудааст?

13 Ва ман дидам, ки бартарии ҳикмат бар ҳамоқат монанди
бартарии рӯшноӣ бар торикист.

14 Чашмони хирадманд дар сари ӯ воз аст, вале аблаҳ дар торикӣ
роҳ меравад. Ва ман онро низ донистам, ки айни як воқеа ба ҳамаи
онҳо рӯй хоҳад дод+.

15 Ва ман дар дили худ гуфтам: «Воқеае ки ба аблаҳ рӯй медиҳад,
ба ман низ рӯй хоҳад дод, пас чаро ман бештар хирадманд шудаам?»
Ва дар дили худ гуфтам, ки ин низ ҳеҷу пуч аст,

16 Зеро ки зикре аз хирадманд, баробари аблаҳ, ба сурати абадӣ
нахоҳад монд: дар айёми ояндаи дур ҳама фаромӯш хоҳад шуд, ва —
ҳайҳот! — хирадманд баробари аблаҳ хоҳад мурд+.

17 Бинобар ин аз ҳаёт нафрат намудам, зеро корҳое ки дар таҳти
офтоб карда мешавад, дар назарам нохуш аст, чунки ҳама ҳеҷу пуч ва
бод паймудан аст!

18 Ва ман аз тамоми меҳнати худ, ки ман дар таҳти офтоб карда
будам, нафрат намудам, чунки онро ба одаме ки баъд аз ман меояд,
бояд боқӣ гузорам+.

19 Ва кист, ки бидонад, ки оё ӯ хирадманд хоҳад буд ё аблаҳ? Ва ӯ
бар тамоми меҳнате ки дар таҳти офтоб бо машаққат ва ҳикмат
кардаам, ҳукмфармо хоҳад шуд. Ин низ ҳеҷу пуч аст!

20 Ва ман рӯ ба қафо оварда, дили худро аз тамоми меҳнате ки дар
таҳти офтоб кардаам, маъюс гардондам,

21 Зеро одаме ҳаст, ки бо ҳикмат ва дониш ва истеъдод меҳнат
кардааст, ва онро бояд чун насибаи муносибе ба шахсе бидиҳад, ки
дар он ҳеҷ машаққат накашидааст. Ин низ ҳеҷу пуч ва шарорати азим
аст!

22 Зеро одамизод аз тамоми меҳнати худ ва орзуи дили худ, ки дар
таҳти офтоб кардааст, чӣ ҳаловате мебарад?

23 Чунки дар тамоми айёми ӯ азоб ва ғусса шуғли ӯст; шабона ҳам
дили ӯ ором надорад. Ин низ ҳеҷу пуч аст!+

24 Барои одамизод чизе хубтар аз ин нест, ки бихӯрад ва бинӯшад
ва ҷони худро аз меҳнати худ лаззат диҳад; аммо дидам, ки ин низ аз
дасти Худост+.
25 Зеро бе изни Худо кист, ки тавонад бихӯрад, ва кист, ки тавонад
лаззат барад?
26 Зеро ба одаме ки дар назари Ӯ нек аст, Худо ҳикмат ва дониш ва
айшу тараб мебахшад, вале ба хатокор ғами ғун кардан ва
андӯхтанро мебахшад, то ки онро ба касе ки дар назари Худо нек аст,
бидиҳад. Ин низ ҳеҷу пуч ва бод паймудан аст!+

## Вақту соат доштани аъмоли инсон.

1 Барои ҳар чиз замоне ҳаст, ва барои ҳар кор дар таҳти осмон
вақте ҳаст:
2 Вақте барои таваллуд шудан, ва вақте барои мурдан;
вақте барои дарахт шинондан, ва вақте барои решакан кардани он чи
шинонда шудааст+.
3 Вақте барои куштан, ва вақте барои шифо додан;
вақте барои хароб кардан, ва вақте барои бино кардан.
4 Вақте барои гиристан, ва вақте барои хандидан;
вақте барои мотам гирифтан, ва вақте барои рақсидан+.
5 Вақте барои партофтани сангҳо, ва вақте барои ҷамъ кардани
сангҳо;
вақте барои оғӯшкашӣ, ва вақте барои дурӣ аз оғӯш.
6 Вақте барои пайдо кардан, ва вақте барои гум кардан;
вақте барои нигоҳ доштан, ва вақте барои партофтан.
7 Вақте барои дарронидан, ва вақте барои дӯхтан;
вақте барои хомӯш мондан, ва вақте барои сухан рондан+.
8 Вақте барои дӯст доштан, ва вақте барои нафрат кардан;
вақте барои ҷанг, ва вақте барои сулҳ.
9 Пас, чӣ суд аст барои коркун аз меҳнате ки мекунад+?
10 Бореро, ки Худо насиби банӣ-одам кардааст, то ки онро бардоранд,
дидам+.
11 Ҳама чизро Ӯ дар вақташ ба хубӣ ба вуҷуд овардааст; ҳамчунин
фикри абадиятро дар дили одамизод ҷо додааст, ба тавре ки онҳо
кореро, ки Худо кардааст, аз ибтидо ва то интиҳо наметавонанд
дарьёбанд+.
12 Донистам, ки барои онҳо чизе хубтар аз ин нест, ки айшу тараб
намоянд ва дар ҳаёти худ некӣ кунанд+.
13 Ва агар ҳар одам бихӯрад ва бинӯшад ва аз ҳар меҳнати худ некӣ
бинад, — ин низ атои Худост+.
14 Донистам, ки ҳар он чи Худо кардааст, то абад хоҳад монд; чизе
бар он илова намудан ва аз он кам кардан мумкин нест; ва Худо
чунин кардааст, то ки аз Ӯ битарсанд.
15 Он чи ҳаст, аз қадим аст, ва он чи хоҳад шуд, пештар низ буд; ва
Худо гузаштаро толиб аст+.

16 Ва боз дар тахти офтоб макони довариро дидам, ки он ҷо
шарорат аст, ва макони адолатро, ки он ҷо ноинсофист.
17 Ман дар дили худ гуфтам: «Одил ва шарирро Худо доварӣ хоҳад
кард, зеро ки барои ҳар чиз ва барои ҳар кор дар он ҷо вақте ҳаст»+.
18 Ман дар дили худ дар ҳаққи банӣ-одам гуфтам, ки Худо ба онҳо
имтиҳоне дод, то бубинанд, ки онҳо ба худии худ мисли
чорпоёнанд,+
19 Зеро ки воқеаи банӣ-одам мисли воқеаи чорпоён аст — барои
онҳо айни як воқеа аст: чунон ки инҳо мемиранд, онҳо низ
мемиранд, ва барои ҳама айни як рӯҳ аст, ва одамизод аз чорпоён
бартарӣ надорад; дар асл ҳама ҳеҷу пуч аст!+
20 Ҳама ба як ҷо меравад: ҳама аз хок аст, ва ҳама ба хок
бармегардад+.
21 Кист, ки бидонад, ки оё рӯҳи банӣ-одам ба боло суӯд мекунад,
ва рӯҳи чорпоён ба поён, ба сӯи замин нозил мешавад?
22 Ва дидам, ки чизе хубтар аз ин нест, ки одамизод бо аъмоли худ
айшу тараб намояд, чунки ин насибаи ӯст; зеро кист, ки ӯро гардонда
оварад барои дидани он чи баъд аз сари ӯ воқеъ хоҳад шуд+?

## Ҳаёт беамон ва ноинсоф аст.

4 [1] Ва ман боз назар андохта, ҳамаи ситамҳоеро, ки дар таҳти
офтоб карда мешавад, дидам; ва инак ашкҳои ситамкашон, вале
барои онҳо тасаллидиҳандае нест; ва қувват дар дасти
ситамкунандагони онҳост, вале барои онҳо тасаллидиҳандае нест+.
[2] Ва ман мурдаҳоеро, ки пеш аз ин мурдаанд, назар ба зиндаҳое ки
ҳанӯз зинда ҳастанд, хушбахт мешуморам;+
[3] Ва аз ҳар дуи онҳо хушбахттар аст касе ки ҳанӯз ба дуньё
наомадааст, касе ки корҳои бадеро, ки дар таҳти офтоб карда
мешавад, надидааст+.
[4] Ва ман дидам, ки ҳар меҳнат ва ҳар муваффақияти кор натиҷаи
аз якдигар ҳасад бурдан аст. Ин низ ҳеҷу пуч ва бод паймудан аст!
[5] Аблаҳ дастҳои худро дар бағал зада менишинад ва гӯшти худро
мехӯрад+.
[6] Як мушти пур аз роҳат беҳ аз ду мушти пур аз заҳмат ва
бодпаймоӣ+.
[7] Ва ман боз назар андохта, ҳеҷу пучро дар таҳти офтоб дидам:
[8] Одами танҳое ҳаст, ки касе надорад; ӯро писаре ва бародаре низ
нест; ва тамоми меҳнаташ интиҳо надорад; чашмаш низ аз сарват сер
намешавад. «Пас, барои кӣ ман меҳнат карда, ҷони худро аз нозу
неъмат маҳрум менамоям?» Ин низ ҳеҷу пуч ва шуғли нохуш аст!+
[9] Ду нафар аз як нафар беҳтаранд, чунки барои онҳо аз
меҳнаташон музди хубе пайдост.
[10] Зеро ки агар яке афтад, дигаре аз онҳо рафиқи худро
бармехезонад. Валекин вой ба ҳоли он одами танҳо, вақте ки ӯ афтад,
ва касе набошад, ки ӯро бархезонад!
[11] Ҳамчунин, агар ду нафар бихобанд, гарм мешаванд, вале як
нафар чӣ гуна гарм шавад+?
[12] Ва агар ба яке аз онҳо касе ҳуҷум кунад, ҳар дуяшон ба вай
муқобилат мекунанд. Ва риштаи сеқабата ба зудӣ канда намешавад.
[13] Ҷавони бенаво ва хирадманд беҳ аз подшоҳи пир ва аблаҳе ки
эҳтиётро дигар намедонад.
[14] Зеро ки ӯ аз ҳабсхона барои подшоҳӣ кардан берун омадааст, ва
ҳол он ки вай дар подшоҳии худ низ мискин таваллуд ёфтааст+.

[15] Ҳамаи зиндаҳоро дидам, ки дар таҳти офтоб бо ҷавони
ҷонишин, ки бар тахти вай хоҳад нишаст, роҳ мерафтанд.
[16] Тамоми он қавм, ҳамаи онҳое ки ӯ дар пешашон буд, интиҳо
надоштанд, аммо баъдтар аз ӯ шод нахоҳанд шуд. Дар асл ин низ
ҳечу пуч ва бод паймудан аст!
[17] Вақте ки ба хонаи Худо меравӣ, аз пои худ бохабар бош, ва ба
шунидан бештар рағбат намо назар ба қурбониҳое ки аблаҳон
меоваранд, зеро ки онҳо фарқи байни бадӣ ва некиро намедонанд+.

## Бефоида будани сарват.

## Огоҳӣ аз суханони бемулоҳиза.

**5** [1] Бо даҳони худ шитоб накун, ва бигзор дили ту ба гуфтани
сухане ба ҳузури Худо телба нашавад; зеро ки Худо дар осмон аст,
вале ту бар замин ҳастӣ; бинобар ин бигзор суханони ту кам бошад+.
[2] Зеро ки хоб дидан аз шуғли бисьёр пайдо мешавад, ва овози
аблаҳ аз сухани бисьёр+.
[3] Вақте ки ба Худо назр мекунӣ, дар адои он таъхир накун, зеро ки
Ӯ ба аблаҳон таваҷҷӯҳ намекунад; он чи назр кардаӣ, адо намо+.
[4] Назр накарданат беҳ аз он ки назр кунию адо нанамоӣ+.
[5] Намон, ки даҳонат ҷисми туро гуноҳкор гардонад, ва дар ҳузури
фаришта нагӯй, ки «ин саҳв аст!» Чаро Худо барои сухани ту ба хашм
омада, амали дастҳои туро вайрон кунад+?
[6] Зеро ки хобҳо ва чизҳои ҳеҷу пуч бисьёр шавад, сухан бисьёр
мешавад, лекин ту аз Худо битарс+.
[7] Агар ситамро дар ҳаққи мискинон, ва каҷравии инсоф ва
адолатро дар кишвар бубинӣ, аз ин ҳодиса тааҷҷуб накун, зеро ки бар
болонишин касе назорат мекунад, ки аз вай болотар аст, ва бар онҳо
нозирони боз ҳам болотар ҳастанд+.
[8] Валекин суд ба мамлакат аз ҳама мерасад, ва ҳатто подшоҳ ба
киштукори саҳроҳо ғамхорӣ менамояд.
[9] Дӯстдори нуқра аз нуқра сер намешавад, ва касе ки сарвати
зиёдро дӯст медорад, мадохилаш ба муддаои табъаш нест. Ин низ
ҳеҷу пуч аст!
[10] Нозу неъмат зиёд шавад, хӯрандаҳои он зиёд мешаванд; пас, ба
соҳиби он чӣ суде ҳаст ҷуз ин ки чашмонаш онро мебинад?
[11] Хоби меҳнаткаш ширин аст, хоҳ хӯрокро кам бихӯрад ва хоҳ
бисьёр; вале серии сарватдор намемонад, ки ӯ хоб равад.
[12] Бадии пуразобе ҳаст, ки дар таҳти офтоб дидам: сарвате ки
соҳибаш онро ба зарари худ саришта мекунад+.
[13] Ва он сарват дар ҳодисаи баде барбод рафт, ва ӯ писаре ба дуньё
овард, ва чизе дар дасташ нест.
[14] Чунон ки аз батни модараш берун омад, ончунон бараҳна, дар
ҳолате ки омад, бармегардад, ва аз меҳнати худ чизе намегирад, ки

ба дасти худ бурда тавонад+.
[15] Ва ин низ бадии пуразоб аст: чӣ гунае ки омад, ҳамон гуна
меравад; пас, чӣ суд аст барои ӯ, ки бод паймуда заҳмат кашидааст+?
[16] Тамоми айёми худ низ дар торикӣ хӯрок хӯрдааст, ва аз
бисьёрии асабият ва хашм бемор шудааст.
[17] Инак он чи ман боз дидам: хуб ва хуш аст, ки кас дар айёми
ками умри худ, ки Худо ба ӯ бахшидааст, бихӯрад ва бинӯшад ва аз
тамоми меҳнате ки дар таҳти офтоб мекунад, некӣ бинад, чунки ин
насибаи ӯст.
[18] Ҳамчунин ҳар одаме ки Худо ба ӯ сарват ва молу мулк
бахшидааст ва ба ӯ ихтиёр додааст, ки аз он бихӯрад ва насибаи
худро гирифта, аз меҳнати худ шодӣ кунад, — ин атои Худост+.
[19] Зеро, чун Худо ӯро ба шодмонии дили ӯ машғул мекунад, кас
фаромӯш мекунад, ки айёми умраш бисьёр нест.

## Давоми ҳамон мавзӯъ.

6 [1] Бадие ҳаст, ки дар таҳти офтоб дидам, ва он бар одамизод
гарон меояд:+
[2] Касе ки Худо ба ӯ сарват ва молу мулк ва ҷалол мебахшад, ва
барои ҷони ӯ аз ҳар чизе ки ҳавас кунад, ҳеҷ норасогӣ нест, валекин
Худо ба ӯ ихтиёр надодааст, ки аз он бихӯрад, — балки каси бегона
онро мехӯрад; ин ҳеҷу пуч ва дарди бад аст!+
[3] Агар касе сад писар ба дуньё оварад, ва солҳои бисьёр зиндагӣ
кунад, ва айёми солҳояш боз ҳам зиёд шавад, валекин ҷонаш аз некӣ
сер нашавад, ва ӯ дафну кафан низ надошта бошад, — мегӯям, ки
афгона аз ӯ беҳтар аст,+
[4] Чунки вай ҳамчун чизи ҳеҷу пуч омад, ва ба торикӣ рафт, ва
номаш бо торикӣ пӯшида шуд;
[5] Офтобро низ надид ва надонист; вай аз он кас бештар ором
дорад.
[6] Ва агар ӯ ҳатто ду ҳазор сол зиндагӣ кунад ва некӣ набинад, — оё
ҳама ба як ҷо намераванд?
[7] Тамоми меҳнати одамизод барои даҳони ӯст, ва бо вуҷуди ин,
иштиҳояш қонеъ намешавад+.
[8] Пас, бартарии хирадманд аз аблаҳ дар чист? Ва бартарии бенавое
ки медонад пеши зиндаҳо чӣ гуна рафтор кунад+?
[9] Дидани чашмон беҳ аз иштиёқи нафс; ин низ ҳеҷу пуч ва бод
паймудан аст!
[10] Ҳар он чи ба вуқӯъ меояд, аз азал муқаррар шудааст, ва
чигунагии моҳияти одамизод маълум аст, ва ӯ наметавонад ба он чи
аз ӯ пурзӯртар аст, муқобилат намояд+.
[11] Зеро чизҳои бисьёре ҳаст, ки ҳеҷу пучро афзун мекунад, — пас
чӣ суд аст барои одамизод+?
[12] Зеро кист, ки бидонад, ки барои одамизод дар зиндагӣ, дар
айёми ками умри ботиле ки ӯ мисли соя ба сар мебарад, чӣ чиз хуб
аст? Ва кист, ки одамизодро аз он чи баъд аз ӯ дар таҳти офтоб рӯй
хоҳад дод, хабардор кунад+?

## Инсон фақат дар ҳикмат ва соддагӣ ором меёбад.

1 Номи нек беҳ аз равғани атрафшон;
ва рӯзи мамот беҳ аз рӯзи таваллуд+.
2 Рафтан ба азохона беҳ
аз рафтан ба шаробхона,
чунки ин оқибати ҳар одам аст,
ва зинда инро дар дили худ мегузорад+.
3 Ғусса беҳ аз ханда,
зеро вақте ки чеҳра ғамгин аст, дил нек мешавад+.
4 Дили хирадмандон дар азохона аст,
вале дили аблаҳон — дар тарабхона.
5 Шунидани итоби хирадманд беҳ
аз шунидани суруди аблаҳон,+
6 Чунки хандаи аблаҳон
мисли чарс-чарси хорҳо дар таги дег аст.
Ин низ ҳеҷу пуч аст!
7 Истисмор хирадмандро сабукмағз мегардонад,
ва ришва дилро фосид мекунад+.
8 Оқибати кор беҳ аз оғози он;
собир беҳ аз ҳавобаланд+.
9 Дар рӯҳи худ ба хашм гирифтан шитоб накун,
чунки хашм дар синаи аблаҳон қарор меёбад.
10 Нагӯй: «Чаро айёми қадим аз ҳозира беҳтар буд?»
Чунки дар ин бобат на аз рӯи ҳикмат савол медиҳӣ.
11 Ҳикмат бо якҷоягии мерос хуб аст,
алалхусус барои бинандагони офтоб,
12 Зеро, чунон ки одам дар сояи ҳикмат аст, дар сояи нуқра низ мебошад;
валекин бартарии дониш ин аст, ки ҳикмат ба соҳибони худ зиндагӣ мебахшад.
13 Амали Худоро бубин:
зеро кист, ки тавонад он чиро, ки Ӯ каҷ кардааст, рост кунад+?
14 Дар рӯзи нек хурсандӣ бикун,
ва дар рӯзи бад андеша намо,
ки Худо инро низ баробари он ба амал овардааст,

то ки одамизод баъд аз он натавонад чизеро дарьёбад.
[15] Дар айёми ҳеҷу пучи худ ҳамаро дидам: одиле ҳаст, ки дар адолати худ нобуд мешавад, ва шарире ҳаст, ки дар шарорати худ умри дароз мебинад+.
[16] Аз ҳад зиёд одил набош, ва берун аз андоза рафтори хирадмандона накун: чаро худро ба ҳалокат бирасонӣ?
[17] Аз ҳад зиёд ба шарорат дода нашав, ва аҳмақ набош: чаро бемаҳал бимирӣ+?
[18] Хуб мешавад, ки инро пайравӣ намоӣ ва аз он низ дасти худро накашӣ, зеро ҳар кӣ аз Худо тарсад, аз ҳамаи инҳо ҳазар мекунад.
[19] Ҳикмат хирадмандро бештар аз даҳ ҳокиме ки дар шаҳр бошанд, пурзӯртар мегардонад+.
[20] Дар асл одами одиле дар рӯи замин нест, ки некӣ кунад ва хатое содир нанамояд+.
[21] Ҳамчунин ба ҳамаи суханоне ки гуфта мешавад, диққат надеҳ, то ки ғуломи худро нашнавӣ, вақте ки вай дар ҳаққи ту лаънат мегӯяд+.
[22] Зеро дили ту дафъаи бисьёр донистааст, ки ту низ дар ҳаққи дигарон лаънат гуфтаӣ.
[23] Ҳамаи инро бо ҳикмат озмудам; гуфтам: «Ҳикмат хоҳам варзид»; валекин он аз ман дур аст.
[24] Он чи ҳаст, дур аст ва бағоят амиқ аст; пас кист, ки онро дарьёбад+?
[25] Ва ман бо дили худ ба он рӯ овардам, ки ҳикмат ва хулосаро дарк намоям ва тафтиш ва таҳқиқ кунам, то бидонам, ки то чӣ андоза шарорат аблаҳист ва ҳамоқат фисқу фуҷур аст+.
[26] Ва ман дарьёфтам, ки зан аз мамот талхтар аст, ки вай домҳост, ва дилаш тузоқҳост, ва дастҳояш завлонаҳост; касе ки дар назари Худо нек аст, аз вай раҳо хоҳад шуд, валекин хатокор ба доми вай хоҳад афтод+.
[27] Бубин, гуфт Воиз, инро дарьёфтам, вақте ки якояк шумурдам, то ки натиҷае дарьёбам.
[28] Дар сурате ки ҷони ман боз ҷустуҷӯ кард, ва ман наёфтам, — як мардро аз байни ҳазор нафар ёфтам, вале зане аз байни ҳамаи онҳо наёфтам.

[29] Аммо, бубин, фақат ҳаминро ёфтам, ки Худо одамизодро росткор офарид, валекин онҳо аз дунболи каҷкориҳои бисьёр рафтанд+.

## Хушо тарсгорони Худо ва онҳое ки ба ҳукуматдорон итоат мекунанд.

**8** [1] Кист, ки тавонад мисли хирадманд бошад? Ва кист, ки
таъбири ҳар чизро бидонад? Ҳикмати одамизод чеҳраи ӯро
равшан мекунад, ва шиддати чеҳраи ӯ тағйир меёбад.
[2] Ман гуфтам: амри подшоҳро риоя намо, ба хотири савганде ки
ба исми Худо ёд карда мешавад+.
[3] Ба рафтан аз пеши ӯ шитоб накун, дар кори бад истодагӣ накун,
зеро ки ӯ ҳар чи хоҳад, мекунад+.
[4] Азбаски сухани подшоҳ тасаллут дорад, кист, ки ба ӯ бигӯяд: «Чӣ
мекунӣ?»+
[5] Касе ки ҳукмро риоя намояд, чизи баде нахоҳад дид; вале дили
хирадманд вақт ва доварии муносибро медонад.
[6] Зеро ки барои ҳар чиз вақт ва доварии муносибе ҳаст, ҳар чанд
ки бадии одамизод бар вай гарон меояд,
[7] Зеро ӯ он чиро, ки воқеъ хоҳад шуд, намедонад, ва кист, ки
анҷоми онро ба ӯ бигӯяд?
[8] Одамизод бар рӯҳи худ тасаллут надорад, то ки рӯҳро боздорад;
ҳамчунин бар рӯзи мамот тасаллут надорад, ва чунон ки дар ин
корзор ӯро раҳоӣ нест, шарорат низ соҳибашро халос намекунад.
[9] Ҳамаи инро дидам, ва дили худро ба ҳар коре ки дар таҳти офтоб
карда мешавад, ниҳодам: бисьёр вақтҳо одам бар одам ба зарари вай
ҳукмронӣ мекунад+.
[10] Ва ҳамчунин шариронро дидам, ки гӯронида шуданд, ва ба
оромгоҳи худ расиданд; вале онҳое ки росткор буданд ва дар макони
муқаддас омадурафт доштанд, дар шаҳр фаромӯш гардиданд. Ин низ
ҳеҷу пуч аст!
[11] Азбаски фатво оид ба амали бад ба зудӣ иҷро намешавад,
бинобар ин дили банӣ-одам барои бадкории онҳо пур аз ҷуръат
мегардад.
[12] Агарчи хатокор сад бор бадӣ мекунад ва умри дароз мебинад,
дар асл ман медонам, ки дар оқибат некӯӣ фақат барои тарсгорони
Худо хоҳад буд, ки онҳо ба ростӣ аз Ӯ метарсанд;
[13] Валекин барои шарир некӯӣ нахоҳад буд, ва ӯ мисли соя умри
дароз нахоҳад дид, чунки аз Худо наметарсад+.

14 Чизҳои ҳеҷу пуче ҳаст, ки бар рӯи замин ба амал меояд:
одилоне ҳастанд, ки подоши сазовори амали шарирон насибашон
мешавад, ва шароне ҳастанд, ки подоши сазовори амали одилон
насибашон мешавад. Гуфтам, ки ин низ ҳеҷу пуч аст!+
15 Пас ман айшу тарабро ситоиш кардам, ки барои одамизод дар
таҳти офтоб чизе хубтар аз хӯрдан ва нӯшидан ва айшу тараб
намудан нест; ва ин ӯро дар айёми зиндагии пурмеҳнаташ, ки Худо
ба ӯ дар таҳти офтоб бахшидааст, ҳамроҳӣ мекунад+.
16 Вақте ки дили худро ба он ниҳодам, ки ҳикматро дарьёбам ва
корубореро, ки бар рӯи замин ба амал меояд, бубинам, дар сурате ки
одамизод на шаб ва на рӯз хобро ба чашмони худ намебинад, —+
17 Он гоҳ тамоми амали Худоро дидам, ки одамизод он амалеро,
ки дар таҳти офтоб карда мешавад, наметавонад дарьёбад: ҳар чанд
одамизод барои тадқиқи он меҳнат кунад, онро пай намебарад, ва
ҳатто агар хирадманде бигӯяд, ки «медонам», ӯ наметавонад онро
дарьёбад+.

## Атоҳои Худоро бо шодӣ қабул намо ва иродаи Ӯро ба амал овар.

9 [1] Ҳамаи инро дар дили худ ниҳодам, то барои ман равшан шуд,
ки одилон ва хирадмандон ва аъмоли онҳо дар дасти Худо
мебошанд; ва одамизод намедонад, ки муҳаббат дар интизори ӯст ё
нафрат.
[2] Ҳар чиз барои ҳама баробар аст: айни як воқеа барои одил ва
шарир аст, барои нек ва пок ва палид аст, барои касест, ки забҳ
мекунад, ва барои касест, ки забҳ намекунад; хоҳ нек бошад, хоҳ
хатокор; хоҳ қасам ёд кунад, хоҳ аз қасам тарсад+.
[3] Дар ҳар коре ки дар таҳти офтоб карда мешавад, аз ҳама бадтар
ин аст, ки айни як воқеа барои ҳама аст, бинобар ин дили банӣ-одам
аз бадӣ пур аст, ва дар зиндагии онҳо фисқу фуҷур дар дили онҳост,
ва пас аз он сӯи мурдаҳо мераванд.
[4] Касе ки дар миёни зиндаҳост, барои вай ҳанӯз умеде ҳаст, зеро
ки саги зинда аз шери мурда беҳтар аст.
[5] Зиндаҳо медонанд, ки бояд бимиранд, вале мурдаҳо чизе
намедонанд, ва барои онҳо дигар подоше нест, ҳатто зикрашон
фаромӯш шудааст;+
[6] Ҳам муҳаббаташон, ҳам нафраташон ва ҳам рашкашон барбод
рафтааст, ва дигар то абад барои онҳо аз ҳар коре ки дар таҳти офтоб
карда мешавад, насибае нахоҳад буд.
[7] Пас бирав, нони худро бо хурсандӣ бихӯр ва шароби худро бо
дилхушӣ бинӯш, модоме ки Худо ба аъмоли ту таваҷҷӯҳ мекунад+.
[8] Бигзор либосҳои ту ҳама вақт сафед бошад, ва равған бар сари ту
кам нашавад.
[9] Дар тамоми айёми ҳаёти ҳеҷу пучи худ, ки Ӯ ба ту дар таҳти
офтоб бахшидааст, яъне дар тамоми айёми ҳеҷу пучи худ, бо завҷае
ки дӯст медорӣ, аз зиндагӣ лаззат бигир, зеро ки дар ҳаёт ва дар
меҳнате ки дар таҳти офтоб мекунӣ, насибаи ту ҳамин аст.
[10] Ҳар коре ки карданаш аз дасти ту ояд, алоқадри қуввати худ
бикун, зеро дар гӯр, ки ба он ҷо меравӣ, на амал ҳаст, на тафаккур, на
дониш ва на ҳикмат+.
[11] Боз назар андохта, дар таҳти офтоб дидам, ки даводавӣ на аз
барои сабукравон аст, ва корзор на аз барои баҳодурон аст, ва нон на

аз барои хирадмандон аст, ва сарват на аз барои оқилон аст, ва меҳр на аз барои донишмандон аст; чунки вақти номусоид ва нокомӣ ба ҳамаи онҳо рӯй хоҳад дод.

[12] Илова бар ин одамизод низ вақти худро намедонад: чунон ки моҳиён ба тӯри ҳалокатовар банд мешаванд, ва паррандагон ба дом меафтанд, ончунон банӣ-одам ба вақти пуркулфат, ки ногаҳон ба сарашон меояд, гирифтор мешаванд+.

[13] Чунин ҳикматро низ дар таҳти офтоб дидам, ва он дар назари ман бузург аст:

[14] Шаҳри хурде буд, ва мардумаш кам буданд, ва подшоҳи бузурге назди он омад, ва онро иҳота намуд, ва манораҳои бузурге барои муҳосираи он барпо кард.

[15] Валекин дар он як марди бенавои хирадманд ёфт шуд, ва ӯ бо ҳикмати худ ин шаҳрро раҳо кард; аммо ҳеҷ кас он марди бенаворо ба ёд наовард.

[16] Ва ман гуфтам: ҳикмат беҳ аз зӯроварӣ; вале ҳикмати марди бенаво хор аст, ва суханонашро намешунаванд+.

[17] Суханони хирадмандонро, ки оромона гуфта мешавад, назар ба фарьёди ҳоким дар миёни аблаҳон бештар мешунаванд.

[18] Ҳикмат беҳ аз асбоби ҳарбу зарб; вале як хатокор некии бисьёрро нобуд мекунад+.

## Ҳикмат ва беандешагӣ дар касони бузург ва касони ночиз.

10 [1] Магасҳои мурда равғани атторро бадбӯй ва фосид
мекунанд; андак ҳамоқат аз ҳикмат ва ҷалол гаронтар аст.
[2] Дили хирадманд ӯро ба тарафи рост моил мекунад, вале дили
аблаҳ — ба тарафи чап.
[3] Ва ҳамчунин, вақте ки аҳмақ роҳсипор мешавад, ақлаш камӣ
мекунад, ва ӯ ба ҳар кас нишон медиҳад, ки ӯ аҳмақ аст.
[4] Агар ғазаби ҳоким бар ту аланга занад, макони худро тарк накун,
зеро ки нармӣ хатоҳои бузургро ором мекунад+.
[5] Бадие ҳаст, ки дар таҳти офтоб дидам, аз қабили саҳве ки аз
ҷониби ҳоким содир мешавад.
[6] Ҳамоқат ба мартабаҳои баланд мерасад, вале сарватдорон дар
поён менишинанд.
[7] Ғуломонро бар аспон дидам, ва миронро, ки мисли ғуломон бар
замин пиёда мегаштанд+.
[8] Касе ки чоҳ меканад, дар он меафтад, ва касе ки тавораро рахна
мекунад, мор ӯро мегазад+.
[9] Касе ки сангҳоро мекашонад, аз онҳо захмдор мешавад; касе ки
ҳезум мекафонад, аз онҳо ба сари худ хатар меоварад+.
[10] Агар оҳан кунд шавад, ва дами онро тез накунанд, бештар зӯр
задан лозим меояд; вале ҳикмат барои муваффақият судманд аст.
[11] Агар мор пеш аз афсун газида бошад, афсунгар суд надорад+.
[12] Суханони даҳони хирадманд хуш аст, вале лабҳои аблаҳ худи
ӯро фурӯ мебарад+.
[13] Ибтидои суханони даҳонаш ҳамоқат аст, ва интиҳои даҳонаш —
ҷунуни сахт.
[14] Ва аҳмақ бисьёр сухан мегӯяд; одамизод он чиро, ки рӯй хоҳад
дод, намедонад, ва кист, ки ӯро аз он чи баъд аз ӯ рӯй хоҳад дод,
хабардор кунад+?
[15] Меҳнати аблаҳ ӯро хаста мекунад, ва ӯ намедонад, ки бо кадом
роҳ ба шаҳр мераванд.
[16] Вой бар ҳоли ту, эй замин, вақте ки подшоҳи ту ҷавон аст, ва
мирони ту тамоми шаб хӯрок мехӯранд!
[17] Хушбахт ҳастӣ, эй замин, вақте ки подшоҳи ту аз авлоди
наҷибон аст, ва мирони ту дар сари вақт хӯрок мехӯранд, чунон ки

мардони олимақомро муносиб аст, ва на аз рӯи одати бадмастон!+
[18] Аз боиси коҳилӣ сақф фурӯ меравад, ва ҳангоме ки дастҳоро дар
бағал зада нишинанд, боми хона чак-чак мечакад.
[19] Барои кайфу сафо базм мекунанд, ва шароб ҳаёташонро шод
мегардонад, ва нуқра ҳар чизро барояшон муҳайё менамояд+.
[20] Ҳатто дар хаёли худ ба подшоҳ лаънат нагӯй, ва дар хонаи хоби
худ ба сарватдор лаънат нахон, чунки мурғи ҳаво овозатро хоҳад
бурд, ва болдор суханонатро хабар хоҳад дод+.

## Тухми худро бармаҳал бикор ва ғуссаро аз дил дур кун.

11 [1] Нони худро ба об парто, чунки пас аз рӯзҳои бисьёр онро
хоҳӣ ёфт.
[2] Насибае ба ҳафт нафар ва низ ба ҳашт нафар бидеҳ, зеро
намедонӣ, ки бар замин чӣ мусибате рӯй хоҳад дод.
[3] Агар абрҳо аз борон пур шавад, онро бар замин меборонад; ва
агар дарахте ба тарафи ҷануб ва ё ба тарафи шимол афтад, дар ҳамон
ҷо, ки дарахт афтода бошад, хоҳад монд.
[4] Касе ки ба бод нигоҳ мекунад, кишт нахоҳад кард, ва касе ки ба
абрҳо назар медӯзад, дарав нахоҳад кард.
[5] Чунон ки ту намедонӣ, ки роҳи бод чӣ гуна аст, ё ҷанин дар
батни зани ҳомила чӣ гуна ба вуҷуд меояд, ончунон амали Худоро,
ки Офаринандаи ҳама аст, наметавонӣ бидонӣ+.
[6] Субҳидам тухми худро бикор, ва то шом ба дасти худ осоиш
надеҳ, зеро намедонӣ, ки кадоме аз онҳо, ин ё он, муваффақият
хоҳад ёфт, ё ки ҳар дуи онҳо баробар некӯ хоҳанд буд?
[7] Ва рӯшноӣ ширин аст, ва дидани офтоб барои чашмон хуш аст.
[8] Пас, ҳар чанд одамизод солҳои бисьёр зиндагӣ кунад, бояд дар
ҳамаи онҳо айшу тараб намояд, вале айёми торикиро, ки бисьёр
хоҳад буд, дар хотир дошта бошад: ҳар он чи хоҳад омад, ҳеҷу пуч
аст!
[9] Эй ҷавон, дар наврасии худ айшу тараб намо, то ки дилат туро
дар айёми ҷавонии ту шод гардонад; ва бо роҳҳои дили худ ва бо
нигоҳи чашмони худ равона шав; вале бидон, ки барои ҳамаи ин туро
Худо ба доварӣ хоҳад овард+.
[10] Ва ғуссаро аз дили худ берун намо, ва бадиро аз ҷисми худ дур
андоз, зеро ки наврасӣ ва ҷавонӣ ҳеҷу пуч аст.

## Муносибати оқилонаи инсони табиӣ нисбат ба Худо.

**12** 1 Ва Офаринандаи худро дар айёми ҷавонии худ дар хотир
нигоҳ дор, пеш аз он ки айёми бадӣ биёяд, ва солҳое фаро расад,
ки ту бигӯӣ: «Маро аз онҳо ҳаловате нест»;+
2 Пеш аз он ки офтоб ва рӯшноӣ ва моҳ ва ситорагон торик шаванд,
ва баъд аз борон абрҳо баргардад; —+
3 Дар рӯзе ки посбонҳои хона биларзанд, ва соҳибони қувват хам
шаванд; ва дастоскунандагон дигар ос накунанд, чунки кам
мондаанд; ва онҳое ки аз паси панҷараҳо нигоҳ мекунанд, хира
шаванд;
4 Ва дарҳои кӯча баста шавад, дар сурате ки садои осиё кам
шунида шавад, ва аз овози гунҷишк кас бедор шавад, вале ҳамаи
савтҳои суруд хомӯш гардад;+
5 Аз баландӣ низ битарсанд ва дар роҳ хавотир кашанд; ва бодом
шукуфта сафедпӯш шавад; ва малахе гаронӣ кунад; ва иштиҳо кӯр
шавад. Ба ҳамин тариқ одамизод ба хонаи ҷовидонии худ меравад, ва
дар кӯча навҳагарон гирд мегарданд;+
6 Пеш аз он ки занҷири нуқра канда шавад, ва косаи тилло
бишканад, ва кӯзаи сари чоҳ бикафад, ва чарх пора шуда дар чоҳ
афтад;+
7 Ва хок бар замин баргардад, ончунон ки буд; ва рӯҳ назди Худо,
ки онро бахшида буд, баргардад+.
8 «Ҳеҷу пуч аст, — гуфт Воиз, — ҳама чиз ҳеҷу пуч аст!»+
9 Ба замми он ки Воиз хирадманд буд, боз донишро ба қавм омӯхт,
ва тадқиқу тафтиш намуда, масалҳои зиёде тартиб дод+.
10 Воиз саъй намуд, ки суханони дилписанд пайдо кунад, ва
суханони ростиро ӯ аз самими қалб навишт.
11 Суханони хирадмандон мисли халачӯбҳост ва мисли мехҳоест,
ки сахт кӯфта шуда бошад; муаллифони маҷмӯаҳо аз ҷониби як
чӯпонанд+.
12 Ва он чи зиёда аз инҳост, эй писарам, аз он эҳтиёт намо: сохтани
китобҳои бисьёр интиҳо надорад, ва тааммуқи бисьёр азияти ҷисм
аст+.

## Муносибати оқилонаи инсони тобеи шариат нисбат ба Худо.

[13] Хулосаи суханон комилан фаҳмост: аз Худо битарс ва аҳкоми
Ӯро риоя намо, чунки ҳама чиз барои одамизод аз ҳамин иборат
аст;+
[14] Зеро ки ҳар амалро Худо ба доварӣ хоҳад овард, ҳар амали
ниҳониро низ, хоҳ нек бошад, хоҳ бад+.

---

+ 1:1 Воиз 1:12, Воиз 7:27, Воиз 12:8-10

+ 1:2 Айюб 7:6, Заб. 38:6-7, Заб. 143:4, Воиз 8:8, Рум. 8:20

+ 1:3 Воиз 2:11, Воиз 3:9, Воиз 5:15

+ 1:4 Заб. 103:5, Заб. 118:90

+ 1:5 Заб. 18:6

+ 1:7 Заб. 103:8-9

+ 1:8 Мас. 27:20

+ 1:9 Воиз 3:15

+ 1:11 Воиз 2:16

+ 1:13 Воиз 2:26, Воиз 3:10

+ 1:15 Воиз 7:13

+ 1:16 3 Подш. 3:12, 3 Подш. 4:29, Воиз 2:9

+ 1:18 Воиз 12:12

+ 2:2 Мас. 14:13

+ 2:4 3 Подш. 7:1, Сур. Сур. 8:11

+ 2:5 Сур. Сур. 4:16

+ 2:8 3 Подш. 9:28, 3 Подш. 10:10, 3 Подш. 10:14, 3 Подш. 11:3

+ 2:9 3 Подш. 3:12, 1 Вақ. 29:25, Воиз 1:16

+ 2:11 Воиз 1:3, Воиз 3:9, Воиз 5:15

+ 2:14 Заб. 48:11, Воиз 3:19, Воиз 9:2

+ 2:16 Воиз 1:11

+ 2:18 Заб. 38:7, Заб. 48:11

+ 2:23 Айюб 14:1

+ 2:24 Воиз 3:12-13, Воиз 5:18, Воиз 8:15, Воиз 5:18

+ 2:26 Воиз 1:13

+ 3:2 Ибр. 9:27

+ 3:4 Рум. 12:15

+ 3:7 Ҳас. 37:29, Ом. 5:13

+ 3:9 Воиз 1:3, Воиз 2:11, Воиз 5:15

+ 3:10 Ҳас. 3:19, Воиз 1:13, Воиз 2:26

+ 3:11 Воиз 8:17

+ 3:12 Воиз 2:24

+ 3:13 Воиз 2:24, Воиз 5:19

+ 3:15 Воиз 1:9

+ 3:17 Мат. 16:27, 2 Қӯр. 5:10

+ 3:18 Заб. 48:13, Заб. 48:21, Заб. 72:22

+ 3:19 Заб. 48:11, Воиз 2:14, Воиз 9:2

+ 3:20 Ҳас. 3:19, Воиз 12:7

+ 3:22 Воиз 2:24

+ 4:1 Воиз 9:11, Нав. 1:2, Айюб 35:9, Воиз 5:7

+ 4:2 Айюб 3:22, Воиз 7:1

+ 4:3 Айюб 3:16, Воиз 6:3

+ 4:5 Мас. 6:10-11, Мас. 24:33-34

+ 4:6 Мас. 15:16

+ 4:8 Воиз 1:8

+ 4:11 3 Подш. 1:2

+ 4:14 Ҳас. 41:14, Ҳас. 41:41-43

+ 4:17 Иш. 1:12, 1 Подш. 15:22, Мас. 15:8

+ 5:1 Мат. 6:7

+ 5:2 Мас. 10:19

+ 5:3 Заб. 49:14

+ 5:4 Иб. 5:4, Ад. 30:3, Так. Шар. 23:21, Мас. 20:25

+ 5:5 Аъм. 5:4

+ 5:6 Воиз 12:13

+ 5:7 Айюб 35:9, Воиз 3:16, Воиз 4:1

+ 5:12 Воиз 6:1

+ 5:14 Айюб 1:21

+ 5:15 Воиз 1:3, Воиз 2:11, Воиз 3:9

+ 5:18 Воиз 2:24

+ 6:1 Воиз 5:12

+ 6:2 Заб. 16:14, Заб. 72:7, Луқ. 12:20

+ 6:3 Иш. 14:20, Ирм. 8:2, Айюб 3:16, Воиз 4:3

+ 6:7 Мас. 16:26

+ 6:8 Воиз 2:15

+ 6:10 Воиз 1:10, Воиз 3:15, Айюб 9:32, Иш. 45:9, Рум. 9:20

+ 6:11 Воиз 5:2

+ 6:12 Айюб 8:9, Айюб 14:2

+ 7:1 Мас. 22:1, Воиз 4:2

+ 7:2 Заб. 89:12

+ 7:3 Мат. 5:4, Луқ. 6:21, 2 Қўр. 7:10

+ 7:5 Мас. 15:31-32

+ 7:7 Так. Шар. 16:19, Мас. 17:8

+ 7:8 Мас. 14:29

+ 7:13 Айюб 12:14, Воиз 1:15

+ 7:15 Воиз 8:14

+ 7:17 Мас. 10:27

+ 7:19 Мас. 21:22, Воиз 9:16, Воиз 9:18

+ 7:20 3 Подш. 8:46, 2 Вак. 6:36, Заб. 142:2, Мас. 20:9, Яъқ. 3:2, 1 Юҳ. 1:8-10, Рум. 3:10

+ 7:21 Мас. 30:10

+ 7:24 Айюб 28:12

+ 7:25 Воиз 1:17

+ 7:26 Мас. 5:4, Мас. 22:14, Мас. 23:27

+ 7:29 Ҳас. 1:27, Ҳас. 3:6-7

+ 8:2 3 Подш. 2:43

+ 8:3 Воиз 10:4

+ 8:4 Айюб 9:12, Дон. 4:32

+ 8:9 Воиз 3:16, Воиз 4:1

+ 8:13 Айюб 14:2, Воиз 6:12

+ 8:14 Воиз 7:15

+ 8:15 Воиз 2:24

+ 8:16 Заб. 126:2

+ 8:17 Воиз 3:11

+ 9:2 Айюб 9:22, Заб. 48:11, Воиз 2:14, Воиз 3:19, Айюб 9:22

+ 9:5 Айюб 14:21, Заб. 30:13, Заб. 87:13, Иш. 26:14

+ 9:7 Воиз 2:24

+ 9:10 Заб. 6:6, Иш. 38:18

+ 9:12 Мас. 7:23

+ 9:16 Воиз 7:19

+ 9:18 Еҳ. 7:1

+ 10:4 Воиз 8:3

+ 10:7 Мас. 19:10

+ 10:8 Заб. 7:16, Мас. 26:27

+ 10:9 Так. Шар. 19:5

+ 10:11 Ирм. 8:17

+ 10:12 Заб. 63:8, Мас. 18:7

+ 10:14 Мас. 15:2

+ 10:17 Мас. 31:4

+ 10:19 Дов. 9:13, Заб. 103:15, Воиз 7:12

+ 10:20 Хур. 22:28

+ 11:5 Заб. 138:15

+ 11:9 Воиз 2:10, Воиз 9:7, Айюб 31:7, Воиз 12:14, 2 Қӯр. 5:10

+ 12:1 2 Подш. 19:35

+ 12:2 Иш. 5:30

+ 12:4 Заб. 140:3, Ирм. 25:10

+ 12:5 Айюб 17:13, Иш. 14:18

+ 12:6 Иш. 30:14

+ 12:7 Ҳас. 2:7, Ҳас. 3:19, Заб. 89:4, Воиз 3:20, Ад. 16:22, Айюб 34:14-15

+ 12:8 Воиз 1:2

+ 12:9 3 Подш. 4:31, Мас. 1:1

+ 12:11 Заб. 22:1, Заб. 79:2, Юҳ. 10:11

+ 12:12 Воиз 1:18

+ 12:13 Так. Шар. 6:2, Воиз 5:6

+ 12:14 1 Қӯр. 4:5, Воиз 11:9, 2 Қӯр. 5:10, Рум. 2:15-16

*КИТОБИ*

# СУРУДИ СУРУДҲО


1 2 3 4 5 6 7 8

## Муоширати шодиёнаи домод ва арӯс.

1 Суруди сурудҳо, ки аз они Сулаймон аст+.
2 Кошки маро бо бӯсаҳои даҳони худ бибӯсад!
Зеро ки ишқбозиҳои ту аз шароб хубтар аст.
3 Равғанҳои атрафшони ту барои бӯидан хуб аст;
исми ту мисли равғани атрафшони рехта мебошад;
бинобар ин дӯшизагон туро дӯст медоранд+.
4 Маро аз қафои худ бикаш, то ки бидавем, —
подшоҳ маро ба ҳуҷраҳои худ овард, —
аз ту ба ваҷд оем ва шодӣ кунем,
ишқбозиҳои туро бештар аз шароб ситоиш намоем.
Туро сазоворона дӯст медоранд+.
5 Эй духтарони Ерусалим!
Ман сиёҳ ҳастам, вале зебо,
мисли хаймаҳои Қедор,
мисли пардаҳои Сулаймон+.
6 Ба он нигоҳ накунед, ки ман сиёҳтоб ҳастам,
зеро ки офтоб маро сӯзонд:
писарони модарам ба ман хашм гирифтанд,
маро дидбони токзорҳо карданд;
лекин токзори худро натавонистам дидбонӣ намоям.
7 Эй он ки ҷонам туро дӯст медорад!
Ба ман бигӯй, ки дар куҷо мечаронӣ?
Пешингоҳон рамаро куҷо мехобонӣ?
Чаро назди рамаҳои рафиқони ту
мисли зани гумроҳе бошам+?
8 Эй нозанинтарини занон!
Агар надонӣ,
аз паи рама берун ой,
ва бузғолаҳоятро
назди масканҳои чӯпонон бичарон+.
9 Эй ёри ман! Туро ба аспе
ки дар аробаи фиръавн аст, монанд кардам+.
10 Чӣ зебост рухсорҳои ту дар миёни зеварҳо,
гардани ту бо гарданбанд!

11 Шилшилаҳои тилло бо пулакчаҳои нуқра барои ту хоҳем сохт+.
12 То вақте ки подшоҳ бар нишемангоҳи худ буд,
сунбули ман роиҳаи худро медод+.
13 Маҳбуби ман барои ман таблаи мур аст,
ки дар миёни пистонҳоям мехобад+.
14 Маҳбуби ман барои ман шингили гули ҳиност,
ки дар токзорҳои Айн-Ҷадӣ месабзад+.
15 Инак, ту нозанин ҳастӣ, эй ёри ман!
Инак, ту нозанин ҳастӣ! Чашмонат мисли чашмони кабӯтар аст+.
16 Инак, ту нозанин ҳастӣ, эй маҳбуби ман!
Низ дилпазир ҳастӣ;
низ ҳаҷлаи мо сабзу хуррам аст.
17 Болорҳои хонаи мо арзҳост;
вассаҳои мо сарвҳост+.

## Арӯс ба вохӯрӣ бо домод муштоқ аст.

[1] Ман наргиси Шорӯн,
савсани водиҳо ҳастам+.
[2] Чунон ки савсан дар миёни хорҳост,
ончунон ёри ман дар миёни духтарон аст.
[3] Чунон ки дарахти себ дар миёни дарахтони ҷангал аст,
ончунон маҳбуби ман дар миёни амрадон аст;
дар сояи ӯ бо иштиёқ нишастам,
ва меваи ӯ барои коми ман ширин аст+.
[4] Ӯ маро ба шаробхона овард,
ва байрақи ӯ бар сари ман муҳаббат аст.
[5] Маро бо кулчаҳои мавизӣ қувват бахшед,
маро бо себҳо тақвият диҳед!
Зеро ки ман барои муҳаббат бемор ҳастам+.
[6] Дасти чапаш дар таги сари ман аст,
ва дасти росташ маро ба оғӯш мекашад+.
[7] Эй духтарони Ерусалим!
Шуморо ба оҳувон ё ғизолони саҳро қасам медиҳам,
ки маҳбубамро, то вақте ки худаш хоҳад,
бедор накунед ва аз хоб нахезонед+.
[8] Овози маҳбуби ман аст!
Инак, ӯ меояд!
Бар кӯҳҳо ҷастухез мекунад,
бар талҳо мепарад.
[9] Маҳбуби ман мисли оҳу ё барраи ғизолон аст;
инак, ӯ дар пушти тавораи мо истодааст,
аз тирезаҳо назар меандозад,
аз равзанҳо менигарад+.
[10] Маҳбуби ман ба сухан оғоз намуда, ба ман гуфт:
«Эй ёри ман, эй нозанини ман,
бархез ва биё!
[11] Инак, зимистон гузашт,
борон аз бориш монда, абрҳо рафт.
[12] Муғчаҳо бар замин намудор шуд,
вақти хониши паррандагон расид,

ва овози қумрӣ дар кишвари мо шунида мешавад;+
13 Дарахти анҷир бор гирифтааст,
ва токҳо ғӯра баста, роиҳаи хуш медиҳад.
Эй ёри ман, эй нозанини ман,
бархез ва биё!
14 Эй кабӯтари ман, ки дар сӯроххҳои сахра,
дар ниҳонгоҳи суфакӯҳ қарор гирифтаӣ!
Чеҳраи худро ба ман нишон деҳ,
овози худро ба ман бишнавон,
зеро ки овози ту хуш аст,
ва чеҳраи ту зебост»+.
15 Шағолҳоро — шағолҳои хурдеро,
ки ба токзорҳо зарар меоваранд, — барои мо
дастгир кунед, чунки токзорҳои мо ғӯра бастааст.
16 Маҳбуби ман аз они ман аст, ва ман аз они ӯ;
ӯ дар миёни савсанҳо мечаронад+.
17 То вақте ки субҳ бидамад,
ва сояҳо бигрезад, эй маҳбуби ман, баргард,
бар кӯҳпораҳо мисли оҳу ё барраи ғизолон бош+.

## Садоқатмандии ёр.

1 Шабонгоҳ бар бистари худ ӯро,
ки ҷонам дӯст медорад, ҷустуҷӯ кардам;
ӯро ҷустуҷӯ кардам, вале ӯро наёфтам+.
2 Пас, бархоста, дар шаҳр,
дар кӯчаҳо ва майдонҳо гардиш мекунам;
ӯро, ки ҷонам дӯст медорад, ҷустуҷӯ мекунам;
ӯро ҷустуҷӯ кардам, вале ӯро наёфтам.
3 Посбонҳое ки дар шаҳр гаштугузор мекунанд,
маро ёфтанд.
«Оё ӯро, ки ҷонам дӯст медорад, дидаед?»+
4 Навакак аз пеши онҳо гузашта будам,
ки ӯро, ки ҷонам дӯст медорад, ёфтам;
ӯро дошта гирифтам, ва ӯро сар надодам,
то вақте ки ӯро ба ҳавлии модари худ
ва ба ҳуҷраи волидаи худ овардам+.
5 Эй духтарони Ерусалим!
Шуморо ба оҳувон ё ғизолони саҳро қасам медиҳам,
ки маҳбубамро, то вақте ки худаш хоҳад,
бедор накунед ва аз хоб нахезонед+.
6 Ин кист, ки аз биёбон
мисли сутунҳои дуд сууд менамояд,
ва аз бухури мур ва лодан
ва ҳар навъ хокаи атрафшони резаворфурӯш муаттар шудааст+?
7 Инак тахти равони Сулаймон!
Шаст нафар паҳлавонон дар гирди он,
аз паҳлавонони Исроил.
8 Ҳамаи онҳо шамшердор
ва ҷангозмуда мебошанд;
шамшери ҳар яке,
аз бими шаб, бар рони ӯст+.
9 Сулаймони подшоҳ тахти равоне барои худ
аз дарахтони Лубнон сохтааст;
10 Сутунҳои онро аз нуқра,
соябони онро аз тилло,

нишемангоҳи онро аз арғувон сохтааст;
даруни он бо муҳаббати
духтарони Ерусалим ороиш ёфтааст.
11 Эй духтарони Сион!
Берун оед ва Сулаймони подшоҳро бубинед,
бо тоҷе ки модараш дар рӯзи тӯи арӯсии ӯ,
ва дар рӯзи шодмонии дили ӯ
бар сари ӯ ниҳодааст.

## Домод дар бораи фазилатҳои арӯс сухан меронад.

1 Инак, ту нозанин ҳастӣ, эй ёри ман!
Инак, ту нозанин ҳастӣ!
Чашмонат аз пушти бурқаи ту мисли чашмони кабӯтар аст;
мӯйҳоят мисли рамаи бузҳоест,
ки аз кӯҳи Ҷилъод мавҷзанон фурӯд меоянд+.
2 Дандонҳоят мисли рамаи мешҳои пашмбуридаест,
ки аз шустан баромадаанд,
ва ҳамаашон экизаквор ҷуфт-ҷуфт мебошанд,
ва нуқсоне дар онҳо нест+.
3 Лабҳоят мисли риштаи қирмизӣ аст,
ва даҳонат зебост;
рухсорҳоят аз пушти бурқаи ту
мисли нимаҳои анор аст+.
4 Гарданат мисли бурҷи Довуд аст,
ки барои кӯрхона бино ёфтааст;
ҳазор сипар, — ҳамаи сипарҳои паҳлавонон, —
бар он овезон аст.
5 Ду пистонат мисли ду оҳубараи
экизаки модаоҳу мебошад,
ки дар миёни савсанҳо мечаранд+.
6 То вақте ки субҳ бидамад,
ва сояҳо бигрезад, ба кӯҳи мур
ва ба тали лодан хоҳам рафт+.
7 Ту сар то по нозанин ҳастӣ, эй ёри ман!
Ва нуқсоне дар ту нест.
8 Аз Лубнон бо ман, эй арӯс,
аз Лубнон бо ман биё!
Аз қуллаи Амона,
аз қуллаи Сенир ва Ҳермӯн,
аз лонаҳои шерон,
аз кӯҳҳои баброн назар андоз+.
9 Дили маро рабудаӣ, эй хоҳар ва арӯси ман!
Бо як нигоҳи чашмони худ,
бо як тавқе ки бар гардани туст, дили маро рабудаӣ+.

10 Чӣ хуш аст ишқбозиҳои ту, эй хоҳар ва арӯси ман!
Чӣ хубтар аст ишқбозиҳои ту аз шароб,
ва роиҳаи равғанҳои атрафшони ту
аз тамоми атриёт!+
11 Аз лабҳоят шаҳд мечакад, эй арӯс!
Асал ва шир дар таҳти забони туст,
ва роиҳаи пероҳанат мисли роиҳаи Лубнон аст+.
12 Хоҳар ва арӯси ман боғи дарбаста,
чашмаи қуфлкарда, манбаи мӯҳрзада мебошад.
13 Ниҳолҳоят фирдавси анорҳост бо дарахтони меваи хуштаъм;
гулҳои ҳиност бо сунбулҳо;+
14 Сунбул ва заъфар, наи атрогин ва дорчин
аст бо ҳар навъ дарахтони лодан;
мур ва уд аст бо ҳар гуна атриёти сара.
15 Чашмаи боғот
ва чоҳи оби зинда аст,
ки аз Лубнон ҷорист+.

## Ҷавоби арӯс.

16 Эй боди шимолӣ, бархез!
В-эй боди ҷанубӣ, биё!
Бар боғи ман биваз,
то ки атрҳояш паҳн шавад,
маҳбуби ман ба боғи худ биёяд
ва меваҳои хуштаъми худро бихӯрад+.

## Овози домод.

[1] Ба боғи худ омадам, эй хоҳар ва арӯси ман!
Мури худро бо атри худ чидам, шони худро бо асали худ хӯрдам, шароби худро бо шири худ нӯшидам.
Эй ёрон, бихӯред!
Эй маҳбубон, бинӯшед ва маст шавед!+

## Арӯс аз фироқ андӯҳгин аст ва ҷамоли домодро ситоиш мекунад.

[2] Ман дар хоб ҳастам, вале дилам бедор аст;
садое шунидам: маҳбуби ман дарро мекӯбад.
«Барои ман бикшо, эй хоҳари ман, эй ёри ман,
эй кабӯтари ман, эй покизаи ман!
Чунки сарам аз шабнам,
ва зулфҳоям аз рутубати шаб пур аст»+.
[3] Пероҳанамро кашидаам;
чӣ гуна онро бипӯшам?
Пойҳоямро шустаам;
чӣ гуна онҳоро чиркин кунам?
[4] Маҳбуби ман дасташро аз сӯрохи дар дароз кард,
ва дилам барои ӯ биошуфт.
[5] Ман бархостам, то ки барои маҳбуби худ бикшоям,
ва аз дастам мур чакид,
ва аз ангуштҳоям мури
покиза бар дастаи қуфл чакид.
[6] Ман барои маҳбуби худ кушодам,
вале маҳбуби ман сар тофта рафта буд.
Вақте ки сухан гуфт, ҷонам дар изтироб афтод;
ӯро ҷустуҷӯ кардам, вале ӯро наёфтам;
ӯро чеғ задам, вале ба ман ҷавоб нагардонд+.
[7] Посбонҳое ки дар шаҳр гаштугузор мекунанд,
маро ёфтанд;
маро заданд, маро захмдор карданд;
посбонҳои ҳисорҳо сарандози маро аз сарам кашида гирифтанд+.
[8] Эй духтарони Ерусалим!

Шуморо қасам медиҳам,
ки агар маҳбуби маро биёбед, ба ӯ бигӯед,
ки ман барои муҳаббат бемор ҳастам+.
9 «Маҳбуби ту аз маҳбубони дигар чӣ хубӣ дорад,
эй нозанинтарини занон?
Маҳбуби ту аз маҳбубони дигар чӣ бартарӣ дорад,
ки моро чунин қасам медиҳӣ?»+
10 Маҳбуби ман сафедпӯст ва сурхрухсор аст,
бар беваре баланд бардошта шудааст.
11 Сари ӯ зари сурхи холис аст;
зулфҳояш марғӯладор
ва мисли зоғ сиёҳ аст.
12 Чашмонаш мисли кабӯтарони
назди маҷроҳои об аст,
ки дар шир ғусл мекунанд
ва бар ҷӯйбори пуроб менишинанд+.
13 Рухсорҳояш пуштаҳои райҳон,
парваришгоҳи гиёҳҳои атрафшон аст;
лабҳояш савсанҳост,
ки аз онҳо мури покиза мечакад.
14 Дастҳояш лӯлаҳои тиллост,
ки бо забарҷад мурассаъ шудааст;
баданаш ҳайкале аз оҷ аст,
ки аз ёқути кабуд хотамкорӣ дорад.
15 Соқҳояш сутунҳои мармар аст,
ки бар пояҳои зари холис таъсис ёфтааст;
шамоилаш мисли Лубнон аст,
мисли арз боҳашамат аст.
16 Даҳонаш ширинсухан аст,
ва ӯ сар то по фаттон аст;
чунин аст маҳбуби ман, ва чунин аст ёри ман,
эй духтарони Ерусалим!

## Шодии дидор.

[1] Маҳбуби ту куҷо рафтааст,
эй нозанинтарини занон?
Маҳбуби ту ба куҷо рӯ овардааст?
Ӯро бо ту ҷустуҷӯ хоҳем кард+.
[2] Маҳбуби ман ба боғи худ,
ба пуштаҳои райҳон фурӯд омадааст,
то ки дар боғот бичаронад
ва савсанҳо бичинад+.
[3] Ман аз они маҳбуби худ ҳастам, ва маҳбуби ман аз они ман аст;
ӯ дар миёни савсанҳо мечаронад+.
[4] Эй ёри ман! Ту мисли Тирсо нозанин,
мисли Ерусалим зебо
ва мисли фавҷҳои байрақдор саҳмгин ҳастӣ.
[5] Чашмонатро аз ман дур соз,
чунки онҳо маро ба ҳаяҷон меоваранд;
мӯйҳоят мисли рамаи бузҳоест,
ки аз Ҷилъод мавҷмонанд фурӯд меоянд+.
[6] Дандонҳоят мисли рамаи мешҳоест,
ки аз шустан баромадаанд,
ва ҳамаашон экизаквор ҷуфт-ҷуфт мебошанд,
ва нуқсоне дар онҳо нест+.
[7] Рухсорҳоят аз пушти бурқаи ту
мисли нимаҳои анор аст+.
[8] Агарчи шаст нафар маликаҳо ва ҳаштод нафар сурриягон ҳастанд,
ва дӯшизагон сону шумор надоранд,
[9] Лекин кабӯтари ман, покизаи ман ягона аст:
ӯ ягонаи модари худ,
мумтози волидаи худ мебошад.
Духтарон ӯро диданд ва ҳамду сано ба ӯ хонданд,
маликаҳо ва сурриягон ӯро ситоиш карданд.
[10] «Ин кист, ки мисли шафақи субҳ дурахшон аст,
мисли моҳ нозанин аст,
мисли офтоб тобон аст,
мисли фавҷҳои байрақдор саҳмгин аст?»

11 Ба боғи чормағз фурӯд омадам,
то ки сабзазори водиро тамошо кунам,
то бубинам, ки оё ток гул кардааст,
ва оё анор муғҷа кушодааст+?
12 Надонистам, ки ҷони ман чӣ гуна маро
ба аробаҳои наҷибони қавми ман ҷазб намуд.

## Муоширати дӯстона.

[1] Баргард, баргард, эй Шуламит!
Баргард, баргард, то ки ба ту назар кунем.
Ба Шуламит чӣ назар мекунед,
вақте ки ӯ дар миёни ду лашкаргоҳ мерақсад?
[2] Чӣ зебост пойҳоят дар кафшҳо,
эй духтари наҷиб! Суринҳоят мисли зеварҳост,
ки амали дастҳои санъатгар аст.
[3] Нофат косаи мудаввар аст,
ки шароби дорувордор дар он камӣ намекунад.
Батнат хирмани гандум аст,
ки бо савсанҳо ороиш ёфтааст.
[4] Ду пистонат мисли ду оҳубараи
экизаки модаоҳу мебошад+.
[5] Гарданат мисли бурҷи оҷ аст;
чашмонат мисли ҳавзҳои Ҳешбӯн
дар назди дарвозаи Батрабим аст;
биниат мисли бурҷи Лубнон аст,
ки ба сӯи Димишқ нигаронида шудааст.
[6] Сарат бар ту мисли Кармил аст,
ва кокули сарат мисли арғувон аст;
подшоҳ ба турраҳояш гирифтор шудааст.
[7] Чӣ нозанин ҳастӣ ва чӣ дилпазир,
эй маҳбуба, дар ҳаловатҳо!
[8] Ин қоматат ба нахл монанд аст,
ва пистонҳоят — ба шингилҳои меваи он.
[9] Гуфтам, ки бар нахл баромада,
навдаҳояшро нигоҳ хоҳам дошт;
ва пистонҳоят мисли шингилҳои ангур хоҳад буд,
ва роиҳаи нафасат — мисли себҳо,
[10] Ва даҳонат — мисли шароби ноб.
Он ба гулӯи маҳбуби ман бемалол фурӯ меравад,
лабҳои хуфтагонро ба ҳаракат меоварад.
[11] Ман аз они маҳбуби худ ҳастам,
ва иштиёқи ӯ бар ман аст+.

12 Биё, эй маҳбуби ман, ба сайри саҳро бароем,
дар деҳот шаб гузаронем,
13 Бомдодон ба токзорҳо биравем:
бубинем, ки оё ток гул карда,
ғӯра бастааст
ва оё анорҳо муғҷа кушодааст?
Дар он ҷо ишқбозиҳоямро ба ту хоҳам бахшид+.
14 Роиҳаи меҳргиёҳҳо меояд,
ва назди дарҳои мо ҳар навъ меваҳои хуштаъми тару тоза
ва кӯҳна мавҷуд аст:
онҳоро барои ту, эй маҳбуби ман, саришта кардаам.

## Садоқатмандии абадии пайвандшудагон.

1 Кошки ту барои ман бародаре
ки пистонҳои модари маро макидааст, мебудӣ!
Он гоҳ, дар берун бо ту вохӯрда, туро мебӯсидам,
ва маро мазаммат намекарданд;
2 Барои ту роҳбалад мешудам ва туро
ба хонаи модарам меовардам, ки вай маро таълим додааст;
туро аз шароби дорувордор, аз шарбати анори худ менӯшонидам+.
3 Дасти чапаш дар таги сари ман аст,
ва дасти росташ маро ба оғӯш мекашад+.
4 Эй духтарони Ерусалим!
Шуморо қасам медиҳам,
ки маҳбубамро, то вақте ки худаш хоҳад,
бедор накунед ва аз хоб нахезонед+.
5 Ин кист, ки аз биёбон, бар маҳбуби худ такья карда,
сууд менамояд?
Дар таги дарахти себ туро бедор кардам;
он ҷо модарат туро зоидааст+.
6 Маро мисли мӯҳре бар дили худ,
мисли мӯҳре бар бозуи худ бигузор;
зеро ки муҳаббат мисли марг пурзӯр аст,
ва рашки он мисли дӯзах бераҳм аст;
барқҳои он барқҳои оташ аст,
алангаи илоҳист+.
7 Обҳои бисьёр наметавонад муҳаббатро хомӯш кунад,
ва наҳрҳо наметавонад онро фурӯ нишонад.
Агар касе тамоми сарвати хонаи худро барои
муҳаббат бидиҳад,
аз ӯ албатта нафрат хоҳанд кард.
8 Моро хоҳари хурде ҳаст,
Ва ӯ пистон надорад;
бо хоҳари худ чӣ кор кунем,
вақте ки ӯро хостгор шаванд?
9 Агар ӯ ҳисор мебуд,
назди ӯ кӯшки нуқра бино мекардем;

ва агар ӯ дарвоза мебуд,
бар вай ғалақае аз чӯби арз мехкӯб мекардем.
10 Ман ҳисор ҳастам, ва пистонҳоям мисли бурҷҳост;
бинобар ин дар назари ӯ мисли чашмаи саодат будам.
11 Сулаймон токзоре дар Баал-Ҳамӯн дошт;
токзорро ба дидбонон супурд;
ҳар кас барои меваи он ҳазор нуқра медод+.
12 Аммо токзори ман назди ман аст.
Барои ту, эй Сулаймон, ҳазор,
ва барои дидбонони меваи он дусад хоҳад буд+.
13 Эй он ки дар боғот менишинӣ!
Рафиқон ба овози ту гӯш медиҳанд;
онро ба ман бишнавон!
14 Бигрез, эй маҳбуби ман!
Ва мисли оҳу ё барраи ғизолон
бар кӯҳҳои атриёт бош+.

---

+ 1:1 3 Подш. 4:32, Сур. Сур. 4:10

+ 1:3 Воиз 7:1

+ 1:4 Заб. 118:32, Заб. 44:14-15

+ 1:5 Сур. Сур. 2:14, Сур. Сур. 4:3, Сур. Сур. 6:4, Заб. 119:5, Иш. 60:7

+ 1:7 Заб. 22:1, Заб. 79:2, Воиз 12:11, Юҳ. 10:11

+ 1:8 Сур. Сур. 5:9, Сур. Сур. 6:1

+ 1:9 2 Вак. 1:16-17

+ 1:11 Ҳиз. 16:11-14

+ 1:12 Сур. Сур. 4:13-14

+ 1:13 Заб. 44:9, Юх. 19:39

+ 1:14 Ех. 15:62, Сур. Сур. 4:13

+ 1:15 Сур. Сур. 4:1, Сур. Сур. 5:12

+ 1:17 Иш. 37:24

+ 2:1 1 Вақ. 5:16, Аъм. 9:35

+ 2:3 Иш. 25:4, Иш. 32:2

+ 2:5 Сур. Сур. 5:8

+ 2:6 Так. Шар. 33:27, Сур. Сур. 8:3

+ 2:7 Сур. Сур. 3:5, Сур. Сур. 5:8, Сур. Сур. 8:4

+ 2:9 2 Подш. 2:18, Сур. Сур. 8:14

+ 2:12 2 Подш. 23:4

+ 2:14 Заб. 73:19, Ирм. 48:28

+ 2:16 Сур. Сур. 7:11, Сур. Сур. 6:3

+ 2:17 Сур. Сур. 4:6

+ 3:1 Иш. 26:9, Сур. Сур. 5:6

+ 3:3 Сур. Сур. 5:7

+ 3:4 Сур. Сур. 8:2

+ 3:5 Сур. Сур. 5:8, Сур. Сур. 8:4

+ 3:6 Сур. Сур. 8:5, Сур. Сур. 4:6, Сур. Сур. 4:14

+ 3:8 Заб. 44:4, Заб. 90:5

+ 4:1 Сур. Сур. 6:7, Сур. Сур. 1:15, Сур. Сур. 5:12, Мик. 7:14, Сур. Сур. 6:5

+ 4:2 Сур. Сур. 6:6

+ 4:3 Сур. Сур. 6:7

+ 4:5 Сур. Сур. 7:4

+ 4:6 Сур. Сур. 2:17, Сур. Сур. 3:6

+ 4:8 Так. Шар. 3:9

+ 4:9 Сур. Сур. 5:1, Сур. Сур. 5:2

+ 4:10 Сур. Сур. 1:1-2

+ 4:11 Мас. 24:13

+ 4:13 Сур. Сур. 1:12, Сур. Сур. 1:14

+ 4:15 Мас. 5:15-18

+ 4:16 Воиз 2:5

+ 5:1 Сур. Сур. 4:9, Сур. Сур. 4:14, Мас. 9:5

+ 5:2 Ваҳй 3:20

+ 5:6 Мас. 1:28

+ 5:7 Сур. Сур. 3:3

+ 5:8 Сур. Сур. 2:5, Сур. Сур. 2:7, Сур. Сур. 3:5, Сур. Сур. 8:4

+ 5:9 Сур. Сур. 1:8, Сур. Сур. 6:1

+ 5:12 Сур. Сур. 1:15, Сур. Сур. 4:1

+ 6:1 Сур. Сур. 1:8, Сур. Сур. 5:9

+ 6:2 Сур. Сур. 4:16, Сур. Сур. 5:1

+ 6:3 Сур. Сур. 7:10, Сур. Сур. 2:16

+ 6:5 Мик. 7:14, Сур. Сур. 4:1

+ 6:6 Сур. Сур. 4:2

+ 6:7 Сур. Сур. 4:3

+ 6:11 Сур. Сур. 7:13

+ 7:4 Сур. Сур. 4:5

+ 7:11 Сур. Сур. 2:16

+ 7:13 Сур. Сур. 6:11

+ 8:2 Сур. Сур. 3:4, Мас. 9:2, Сур. Сур. 5:1

+ 8:3 Сур. Сур. 2:6

+ 8:4 Сур. Сур. 2:7, Сур. Сур. 3:5, Сур. Сур. 5:8

+ 8:5 Сур. Сур. 3:6

+ 8:6 Ирм. 22:24, Ҳач. 2:23, Рум. 8:35, Мас. 6:34, Так. Шар. 4:24

+ 8:11 Воиз 2:4

+ 8:12 Мас. 27:18

+ 8:14 Сур. Сур. 2:9, Сур. Сур. 2:17

*КИТОБИ*

# ИШАЪЁИ НАБӢ


| | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 | 7 | 8 | 9 | 10 |
| 11 | 12 | 13 | 14 | 15 | 16 | 17 | 18 | 19 | 20 |
| 21 | 22 | 23 | 24 | 25 | 26 | 27 | 28 | 29 | 30 |
| 31 | 32 | 33 | 34 | 35 | 36 | 37 | 38 | 39 | 40 |
| 41 | 42 | 43 | 44 | 45 | 46 | 47 | 48 | 49 | 50 |
| 51 | 52 | 53 | 54 | 55 | 56 | 57 | 58 | 59 | 60 |
| | | 61 | 62 | 63 | 64 | 65 | 66 | | |

## Аз Худо ҷудо шудани Исроил.

# 1
[1] Рӯъёи Ишаъё ибни Омӯс, ки онро дар бораи Яҳудо ва
Ерусалим дар айёми Узиё, Ютом, Оҳоз ва Ҳизқиё, подшоҳони
Яҳудо, дидааст+.
[2] Эй осмон, бишнав, ва эй замин, гӯш андоз,
чунки Худованд сухан меронад:
«Писаронро парвариш додам ва ба воя расонидам,
вале онҳо бар зидди Ман исьён карданд+.
[3] Барзагов молики худро,
ва ҳар охури соҳиби худро мешиносад,
аммо Исроил намешиносад:
қавми Ман фаҳм намекунанд»+.
[4] Эй вой бар халқи хатокор,
бар қавме ки зери бори гуноҳ мондаанд,
бар насли бадкешон,
бар писарони каҷрафтор!
Худовандро тарк кардаанд,
Қуддуси Исроилро хор доштаанд,
ақиб гаштаанд.
[5] Чаро боз зарбу лат хӯред,
чун маъсиятро давом диҳед?
Тамоми сар дарднок аст,
ва тамоми дил садчок.
[6] Аз кафи по то фарқи сар
дар ӯ ҷои сиҳате нест:
ҷароҳат ва реш ва захми хуншор,
ки на пок карда шудааст,
на баста шудааст ва на бо равған нарм
гардонида шудааст+.
[7] Замини шумо харобазор гардидааст;
шаҳрҳои шумо ба оташ сӯхтааст;
саҳроҳои шуморо дар пеши назари шумо
бегонаҳо мехӯранд,
ва харобӣ асари торумори бегонаҳост+.
[8] Ва духтари Сион мисли чайлае дар токзор,

мисли чатре дар полиз, мисли шаҳри
муҳосирашудае мебошад.
9 Агар Худованди лашкарҳо бақияи
андаке барои мо намегузошт,
мо мисли Садӯм мешудем
ва ба Амӯро монандӣ медоштем+.
10 Эй мирони Садӯм!
Сухани Худовандро бишнавед.
Эй қавми Амӯро!
Ба шариати Худои мо гӯш андозед+.
11 «Қурбониҳои бисьёри шумо ба Ман чӣ лозим аст?
— мегӯяд Худованд. —
Аз қурбониҳои сӯхтании қӯчқорҳо
ва чарбуи парвориён сер шудаам,
ва ба хуни нарговҳо, гӯсфандҳо ва такаҳо
рағбат надорам+.
12 Вақте ки меоед, то ба ҳузури Ман ҳозир шавед,
кист, ки аз шумо талабида бошад, ки саҳнҳои
Маро поймол кунед+?
13 Ҳадияи бекора дигар набиёред;
бухур барои Ман зишт аст;
навмоҳ ва шанбе ва анҷуман низ:
ба хабосат ва маҷлиси идона наметавонам тоқат оварам+.
14 Аз навмоҳҳо ва идҳои шумо ҷони Ман нафрат дорад;
онҳо барои Ман бори гарон аст,
ки аз бардоштанаш тоқатам тоқ шудааст.
15 Ва ҳангоме ки дастҳои худро дароз мекунед,
чашмони Худро аз шумо мепӯшам;
дуоро афзун кунед ҳам,
намешунавам,
чунки дастҳои шумо пур аз хун аст+.
16 Шустушӯй кунед, пок шавед;
аъмоли бади худро аз чашмони Ман дур созед;
аз бадкирдорӣ даст кашед+.
17 Некӯкориро таълим гиред;
толиби адлу инсоф бошед;

ба мазлум халосӣ диҳед;
ба ятим додгарӣ намоед;
бевазанро ҳимоят кунед»+.
18 «Биёед исбот намоем,
— мегӯяд Худованд, —
агар гуноҳҳои шумо мисли қирмиз бошад,
мисли барф сафед хоҳад шуд;
агар мисли арғувон сурх бошад,
мисли пашм хоҳад шуд+.
19 Агар орзуманд бошед ва бишнавед,
неъматҳои заминро хоҳед хӯрд+.
20 Вале агар сар печида, муқобилат кунед,
шамшер шуморо хоҳад хӯрд:
зеро ки даҳони Худованд чунин мегӯяд»+.
21 Пойтахти амин чӣ гуна зинокор шудааст!
Вай аз инсоф пур буд,
дар вай адолат сокин буд,
вале алҳол — қотилон!+
22 Нуқраи ту ба ғаш табдил ёфтааст;
шароби ту бо об омехта шудааст+.
23 Мирони ту худсар шуда,
шарики дуздон гардидаанд;
ҳар яке аз онҳо ришваро дӯст медоранд
ва аз паи бахшишҳо медаванд;
ба ятим додгарӣ намекунанд,
ва даъвои бевазан назди онҳо намеояд+.
24 Бинобар ин Худованд, Худованди лашкарҳо,
Неруманди Исроил мегӯяд:
«Ҳой, Ман аз шикасти адуёни Худ қаноат
ҳосил хоҳам кард
ва аз душманони Худ интиқом хоҳам гирифт!+

## Огоҳӣ додан ва даъват кардан ба тавба.

25 Ва дасти Худро бар ту хоҳам баргардонид,
ва ғашши туро чун дар ишқор тоза хоҳам кард,
ва тамоми нопокии туро дур хоҳам сохт+.

26 Ва доварони туро мисли пештара
ва мушовирони туро мисли аввала хоҳам
баргардонид;
пас аз он ту „Шаҳри адолат,
пойтахти амин“ хонда хоҳӣ шуд»+.
27 Сион ба василаи инсоф наҷот хоҳад ёфт,
ва тавбакунандагонаш — ба василаи адолат.
28 Ва осиёну хатокорон саросар шикаст хоҳанд хӯрд,
ва онҳое ки Худовандро тарк кардаанд,
маҳв хоҳанд шуд+.
29 Зеро онҳо аз дарахтони пистае ки шумо орзу
карда будед, хиҷил хоҳанд шуд,
ва аз боғҳое ки шумо баргузида будед, нангин хоҳанд гашт+.
30 Зеро шумо мисли дарахти пистае ки баргҳояш
пажмурда шуда бошад,
ва мисли боғе ки об надошта бошад, хоҳед шуд+.
31 Ва зӯровар ба пӯстлохи катон,
ва амалаш ба шарорае мубаддал хоҳад
шуд,
ва ҳар дуяшон якҷоя хоҳанд сӯхт,
ва оташкуше нахоҳад буд+.

## Ваъда дар бораи айёми охир.

# 2

1 •Каломе ки Ишаъё ибни Омӯс дар бораи Яҳудо ва Ерусалим
дар рӯъё дидааст.
2 Ва дар айёми охир воқеъ хоҳад шуд,
ки кӯҳи хонаи Худованд
бар сари кӯҳҳо барқарор хоҳад гардид,
ва аз теппаҳо баланд хоҳад шуд,
ва ҳамаи халқҳо сӯи он равона хоҳанд шуд.
3 Ва қавмҳои бисьёр роҳсипор шуда, хоҳанд гуфт:
«Биёед, ба кӯҳи Худованд,
ба хонаи Худои Яъқуб бароем,
то ки Ӯ тариқҳои Худро ба мо таълим диҳад,
ва мо ба роҳҳои Ӯ равона шавем».
Зеро шариат аз Сион,
ва каломи Худованд аз Ерусалим хоҳад баромад+.
4 Ва Ӯ дар миёни халқҳо доварӣ хоҳад кард,
ва қавмҳои бисьёрро танбеҳ хоҳад намуд;
ва онҳо шамшерҳои худро ба амочҳо, ва найзаҳои
худро ба досколаҳо табдил хоҳанд дод;
ва халқе бар халқе шамшер нахоҳанд кашид,
ва ҷангро дигар таълим нахоҳанд гирифт+.

## Пеш аз баракат ҷазо меояд.

5 Эй хонадони Яъқуб! Биеёд, дар нури Худованд
роҳ равем+.
6 Зеро Ту қавми Худ, хонадони Яъқубро тарк кардаӣ,
чунки онҳо аз расму оини шарқӣ пур шудаанд,
ва мисли фалиштиён фол мекушоянд,
ва бо зодагони бегонаҳо қонеъ мешаванд.
7 Ва замини вай аз нуқра ва тилло пур шудааст;
ва хазоини вай интиҳо надорад;
ва замини вай аз аспон пур шудааст,
ва аробаҳои вай интиҳо надорад;+
8 Ва замини вай аз бутҳо пур шудааст:
онҳо ба амали дастҳои худ,

ба он чи ангуштҳошон сохтааст, саҷда мекунанд+.
9 Ва инсон сарпаст,
ва мард залил шудааст;
ва Ту онҳоро нахоҳӣ омурзид!
10 Аз тарси Худованд ва аз шавкати кибриёи Ӯ ба
кӯҳпора дохил шав,
ва худро дар хок пинҳон кун+.
11 Чашмони ҳавобаланди инсон залил
ва ғурури мардон паст хоҳад шуд,
ва танҳо Худованд дар он рӯз баланд хоҳад буд+.
12 Зеро аз ҷониби Худованди лашкарҳо рӯзест,
ки бар ҳар чизи ҳавобаланд ва мағрур хоҳад омад,
ва бар ҳар чизи сарбаланд,
— ва он паст хоҳад шуд, —
13 Ва бар ҳамаи арзҳои сиҳӣ ва сарбаланди Лубнон,
ва бар ҳамаи булутҳои Бошон,+
14 Ва бар ҳамаи кӯҳҳои саркаш,
ва бар ҳамаи теппаҳои сарбаланд,
15 Ва бар ҳар бурҷи баланд,
ва бар ҳар ҳисори мустаҳкам,
16 Ва бар ҳамаи киштиҳои Таршиш,
ва бар ҳамаи зеварҳои назаррабо+.
17 Ва ҳавобаландии инсон паст,
ва ғурури мардон залил хоҳад шуд,
ва танҳо Худованд дар он рӯз баланд хоҳад буд.
18 Ва бутҳо тамоман маҳв хоҳад шуд.
19 Ва мардум ба мағораҳои кӯҳпораҳо
ва ба сӯрохҳои хок дохил хоҳанд шуд,
аз сабаби тарси Худованд
ва аз шавкати кибриёи Ӯ,
вақте ки Ӯ бархезад, то заминро вожгун созад+.
20 Дар он рӯз инсон бутҳои нуқра ва бутҳои
тиллои худро,
ки барои парастиши худ сохтааст,
ба кӯрмушҳо ва кӯршабпаракҳо хоҳад партофт,+
21 То ки мардум ба ғорҳои кӯҳпораҳо

ва ба дутаҳиҳои байни сахраҳо дохил шаванд,
аз сабаби тарси Худованд ва аз шавкати кибриёи Ӯ,
вақте ки Ӯ бархезад, то заминро вожгун созад.
22 Шумо аз инсон, ки нафаси ӯ дар бинии ӯст,
даст кашед,
зеро ки у чӣ чизе ҳисоб меёбад+?

## Доварӣ бар ғурур.

3 [1] Зеро, инак Худованд, Худованди лашкарҳо, мадад ва
такьягоҳро аз Ерусалим ва Яҳудо дур хоҳад кард:
ҳар мадади нон ва ҳар мадади обро;+
[2] Паҳлавон ва марди ҷангӣ,
довар ва набӣ,
ва соҳир ва муршидро;
[3] Мирипанҷоҳ ва шариф,
ва мушовир,
ва ҳунарвар ва азоимхонро.
[4] Ва амрадонро бар онҳо ба сарварӣ хоҳам дод,
ва кӯдакон бар онҳо ҳукмронӣ хоҳанд кард.
[5] Ва қавм гирифтори зулм хоҳанд шуд:
ҳар кас аз дасти каси дигар,
ва ҳар кас аз дасти ёри худ;
амрад ба пир,
ва пастфитрат ба олиҷаноб густохӣ хоҳад кард+.
[6] Вақте ки касе дар хонаи падараш
ба бародари худ часпида, бигӯяд:
«Ту либосе дорӣ, пас ҳокими мо шав,
ва ин бесарусомонӣ зери дасти ту бошад», —
[7] Вай дар он рӯз овози худро баланд карда, хоҳад гуфт:
«Ман наметовонам чорасоз шавам,
зеро ки дар хонаи ман на ноне ҳаст, на либосе;
маро ҳокими қавм таъин накунед».
[8] Ба ин минвол Ерусалим бесару сомон шудааст,
ва Яҳудо фурӯ ғалтидааст,
зеро ки забони онҳо ва аъмоли онҳо бар зидди
Худованд аст,
то ки чашмони ҷалоли Ӯро ба хашм оваранд.
[9] Ифодаи рӯйҳои онҳо бар зидди худашон
гувоҳӣ медиҳад,
ва онҳо дар бораи гуноҳи худ мисли мардуми
Садӯм ошкоро сухан меронанд,
ва онро пинҳон намедоранд.

Вой бар ҷони онҳо!
Зеро ки худашон ба сари худ бадӣ меоваранд+.
10 Ба одил бигӯед, ки ӯ некӣ хоҳад дид,
зеро ки аз самараи аъмоли худ хоҳад хӯрд+.
11 Вой бар ҳоли шарир, ки вай бадӣ хоҳад дид,
зеро ки мукофоти амали дастҳои вай ба вай
дода хоҳад шуд.
12 Бар қавми ман кӯдакон зулм мекунанд,
ва занон бар вай салтанат меронанд.
Эй қавми ман! Роҳбаронат туро дар иштибоҳ
меандозанд,
ва самти роҳҳои туро вайрон кардаанд.
13 Худованд барои додгарӣ бархостааст,
ва рост истодааст, то ки қавмҳоро доварӣ намояд+.
14 Худованд бо пирони қавми Худ ва бо мирони он
ба мурофиа хоҳад омад:
«Шумо токзорро оташ задаед,
ва он чи аз бенаво ғорат карда шудааст,
дар хонаҳои шумост+.
15 Шумо чӣ ҳақ доред, ки қавми Маро мазлум созед,
ва рӯйҳои бенавоёнро поймол кунед?» —
мегӯяд Худованд, Худованди лашкарҳо+.
16 Ва Худованд гуфт: «Азбаски духтарони Сион
мағрур шудаанд,
ва гардан барафрохта роҳ мераванд,
ва бо ғамзаҳои чашм ба васваса меандозанд,
бо ишваю ноз мехироманд,
ва зангӯлачаҳои халхолҳоро бар пойҳошон
ҷарангос мезанонанд,+
17 Бинобар ин Худованд фарқи сари духтарони
Сионро кал хоҳад кард,
ва Худованд аврати онҳоро бараҳна хоҳад намуд».
18 Дар он рӯз Худованд зебу зинати халхолҳо,
ва пешонабандҳо, ва тавқҳоро нест хоҳад кард;+
19 Ва гӯшвораҳо, ва дастпонаҳо, ва рӯйбандҳоро;
20 Ва афсарҳо, ва занҷирҳо, ва камарбандҳо,

ва атрдонҳо, ва тӯморҳоро;
21 Ва ангуштаринҳо, ва ҳалқаҳои биниро;
22 Ва камзӯлҳо, ва ҷомаҳо, ва рӯймолҳо, ва ҳамьёнҳоро;
23 Ва оинаҳо, ва пероҳанҳо, ва дасторҳо, ва ҳиҷобҳоро.
24 Ва дар ивази роиҳаи атр тааффуни рим хоҳад буд;
ва дар ивази камарбанд — арғамчин;
ва дар ивази гесӯи пурпечу хам — калӣ;
ва дар ивази либоси фарох — фӯтае аз палос;
ва дар ивази зебоӣ — тамға.
25 Мардони ту ба шамшер,
ва баҳодурони ту дар ҷанг хоҳанд афтод.
26 Ва дарвозаҳои он нола хоҳад кард
ва мотам хоҳад гирифт,
ва он тиҳӣ гардида, бар замин хоҳад нишаст+.

## Рӯъёи малакути оянда.

4 [1] Ва дар он рӯз ҳафт зан ба як мард часпида, хоҳанд гуфт:
«Нони худро хоҳем хӯрд, ва либоси худро хоҳем пӯшид, фақат
номи ту бигзор бар мо хонда шавад, — нанги моро дур кун».
[2] Дар он рӯз навдаи Худованд шукӯҳ ва ҷалол, ва меваи замин
барои бақияи Исроил кибриё ва шавкат хоҳад буд+.
[3] Ва ҳар кӣ дар Сион боқӣ ва дар Ерусалим саломат монад, яъне
ҳар кӣ дар Ерусалим дар дафтари ҳаёт навишта шавад, муқаддас
номида хоҳад шуд+.
[4] Вақте ки Худованд наҷосати духтарони Сионро бишӯяд, ва хуни
Ерусалимро бо рӯҳи доварӣ ва бо рӯҳи сӯзон аз даруни он дур
кунад,+
[5] Он гоҳ Худованд бар тамоми макони кӯҳи Сион ва бар
ҷамъомадҳои он абр ва дудро дар рӯз ва дурахши оташи шӯълаварро
дар шаб хоҳад офарид, ва бар тамоми ҷалол пардае хоҳад буд+.
[6] Ва соябоне дар рӯз барои соя аз гармо, ва барои малоз ва
паноҳгоҳ аз бод ва борон хоҳад буд+.

## Масал дар бораи токзор.

5 [1] Суруди Маҳбуби худро дар бораи токзори Ӯ барои Маҳбуби
худ бисароям:
Маҳбуби ман токзоре бар теппаи ҳосилхез дошт+.
[2] Ва Ӯ замини онро канда, аз сангҳо тоза кард,
ва разҳои ангури лаъл дар он шинонид,
ва бурҷе дар миёнаҷои он бино кард,
ва чархуште низ дар он канд,
ва Ӯ умед дошт, ки ангури хуб меоварад,
валекин ангури бад овард.
[3] Ва акнун, эй сокинони Ерусалим ва мардони Яҳудо,
дар миёни Ман ва токзори Ман доварӣ намоед.
[4] Барои токзори Ман боз чӣ кор кардан лозим буд,
ки Ман дар он накарда бошам?
Чун умед доштам, ки ангури хуб меоварад,
чаро ангури бад овард?
[5] Ва акнун Ман ба шумо эълон менамоям,
ки ба токзори Худ чӣ кор хоҳам кард:
Хорбандашро дур мекунам, ва он хароб хоҳад шуд;
деворашро вайрон мекунам, ва он поймол хоҳад шуд+.
[6] Ва онро харобазор мегардонам:
на навдаҳояш каллак зада хоҳад шуд,
ва на заминаш канда нарм карда хоҳад шуд,
ва явшон ва хори шутур дар он хоҳад рӯид;
ва ба абрҳо амр мефармоям, ки бар он борон наборонанд+.
[7] Зеро ки хонадони Исроил токзори Худованди лашкарҳо мебошанд,
ва мардони Яҳудо — ниҳоли дилпазири Ӯ;
ва Ӯ умеди инсоф дошт, ва инак — ноинсофӣ;
адолатро чашм дошт, ва инак — доду фарьёд+.

## Пешгӯӣ дар бораи шаш мусибати оянда.

[8] Эй вой бар онҳое ки хонаро ба хона илова менамоянд,
киштзорро ба киштзор зам мекунанд,
ба тавре ки ҷое боқӣ намемонад;
ва шумо ба танҳоӣ бар замин маскан гирифтаед+.

9 Худованди лашкарҳо ба гӯши ман гуфт:
«Ба яқин, хонаҳои бисьёр хароб хоҳад шуд,
хонаҳои бузург ва зебо ғайримаскун хоҳад гардид;
10 Зеро ки даҳ ҷуфт* токзор як бат хоҳад дод,
ва як ҳӯмер* тухмӣ як эфа хоҳад овард».
11 Эй вой бар онҳое ки бомдодон бармаҳал бархоста,
аз паи арақ медаванд
ва то бевақтии шаб нишаста, худро бо шароб
оташ медиҳанд!+
12 Ва барбат ва уд, ва даф ва най ва шароб
дар базмҳои онҳост;
вале онҳо ба корҳои Худованд назар намекунанд,
ва амали дастҳои Ӯро намебинанд+.
13 Бинобар ин қавми ман баногоҳ ҷалои ватан гардидаанд,
ва ашрофи онҳо гирифтори гуруснагӣ мебошанд,
ва авоми онҳо аз ташнагӣ хушк шудаанд+.
14 Бинобар ин дӯзах ҳирси худро афзун кардааст,
ва даҳони худро бениҳоят кушодааст;
ва шавкати онҳо, ва хушнӯдии онҳо,
ва ғавғои онҳо, ва ҳар кӣ дар байнашон хушҳол аст,
дар он фурӯ хоҳад рафт+.
15 Ва инсон сархам, ва мард залил,
ва чашмони ҳавобаландон паст хоҳад шуд+.
16 Ва Худованди лашкарҳо дар доварӣ баланд
хоҳад шуд,
ва Худои Қуддус дар адолат тақдис хоҳад ёфт.
17 Ва гӯсфандон, мисли он ки дар чарогоҳи худ
бошанд, хоҳанд чарид,
ва он чиро, ки дар харобаҳои сарватдорон
боқӣ монда бошад, бегонаҳо хоҳанд хӯрд.
18 Эй вой бар онҳое ки гуноҳро бо арғамчини батолат,
ва хаторо мисли танοби ароба аз паи худ мекашанд,
19 Ва мегӯянд: «Бигзор Ӯ шитоб намуда,
амали Худро тезонад, то онро бубинем;
ва бигзор машварати Қуддуси Исроил наздик шавад

ва биёяд, то онро бидонем»!+
[20] Эй вой бар онҳое ки бадиро некӣ, ва некиро
бадӣ меноманд,
торикиро рӯшноӣ, ва рӯшноиро торикӣ медонанд,
талхро ширин, ва ширинро талх ҳисоб мекунанд!+
[21] Эй вой бар онҳое ки дар назари худ хирадманд,
ва дар пеши худ доно мебошанд!+
[22] Эй вой бар онҳое ки дар нӯшидани шароб баҳодур,
ва дар тайёр кардани машруботи дорувордор
мардони пурзӯр мебошанд,
[23] Ки шарирро ба хотири ришва одил медонанд,
вале одилонро аз адолаташон маҳрум мекунанд!+
[24] Бинобар ин, чунон ки забонаи оташ хасро мехӯрад,
ва хошок дар аланга нест мешавад,
ончунон решаи онҳо пӯсида хок хоҳад шуд,
ва шукуфаи онҳо мисли ғубор барбод хоҳад рафт;
зеро ки онҳо аз шариати Худованди лашкарҳо
нафрат кардаанд,
ва каломи Қуддуси Исроилро хор дидаанд+.
[25] Бинобар ин ғазаби Худованд бар қавми Ӯ оташ
гирифтааст,
ва Ӯ дасти Худро бар онҳо дароз карда,
онҳоро зарба задааст,
ва кӯҳҳо ба ларза омадааст, ва ҷасадҳои онҳо
дар кӯчаҳо мисли ахлот партофта шудааст;
бо ин ҳама, ғазаби Ӯ фурӯ нанишастааст,
ва дасти Ӯ ҳанӯз дароз аст+.
[26] Ва ливое барои халқҳои дурдаст хоҳад барафрошт,
ва якеро аз ақсои замин хитоб хоҳад кард,
— ва инак, вай шитоб намуда, ба осонӣ хоҳад омад+.
[27] Андаруни вай на лакоте хоҳад буд, на заифе;
вай на пинак хоҳад рафт, на хоб хоҳад кард;
ва камарбанди вай аз камараш воз нахоҳад шуд,
ва даволи пойафзолаш канда нахоҳад шуд.
[28] Тирҳои вай тез, ва ҳамаи камонҳояш зеҳ
карда шудааст;

сумҳои аспони вай мисли сахра аст, ва чархҳои вай
мисли тундбод+.
29 Наъраи вай мисли наъраи модашер аст;
мисли шерони ҷавон наъра мезанад, ва ғурришкунон
сайд мегирад,
ва онро мебарад, ва раҳокунандае нахоҳад буд+.
30 Ва дар он рӯз бар ӯ мисли хурӯши баҳр
ғурриш хоҳад кард;
ва кас агар ба замин назар андозад,
инак торикӣ ва тангист,
ва нур дар паси абрҳои сиёҳ тира шудааст+.

## Худованд ба Ишаъё дар ҷалоли Худ зоҳир мешавад.

**6** 1 Дар соле ки подшоҳ Узиё вафот кард, Худовандро дидам, ки
бар курсии баланд ва олӣ нишаста буд, ва домони Ӯ маъбадро пур
карда буд+.
2 Сорофиён* дар гирди Ӯ истода буданд, ки ҳар яке аз онҳо шаш
бол дошт: бо дутояш вай рӯи худро мепӯшид, ва бо дутояш пойҳои
худро мепӯшид, ва бо дутояш парвоз мекард+.
3 Ва яке ба дигаре нидо карда, мегуфт: «Қуддус аст, қуддус аст,
қуддус аст Худованди лашкарҳо! Тамоми замин аз ҷалоли Ӯ пур
аст!»+
4 Ва паҳлудариҳо аз овози нидокунандагон ба ларза омад, ва хона
аз дуд пур шуд+.
5 Ва ман гуфтам: «Вой бар ман, ки тамом шудам!
Зеро ки ман шахси ҳаромлаб ҳастам,
ва дар миёни қавми ҳаромлаб сукунат дорам,
— ва чашмонам Подшоҳро,
Худованди лашкарҳоро дидааст».

## Натиҷаи ин рӯъё; оташи поккунанда.

6 Ва яке аз сорофиён назди ман парида омад, ва дар дасташ ахгаре
буд, ки бо оташгирак аз қурбонгоҳ гирифта буд,
7 Ва онро ба даҳонам расонда, гуфт: «Инак, ин ба лабҳоят расид, ва
гуноҳат дур шуд, ва хатоят кафорат ёфт»+.
8 Ва ман овози Худовандро шунидам, ки мегуфт: «Ман киро
бифиристам? Ва кист, ки барои Мо биравад?» Ва ман гуфтам: «Инак
ман ҳозирам, маро бифирист».

## Супориши наве ба зиммаи Ишаъё гузошта шуд.

9 Ва Ӯ гуфт: «Бирав, ва ба ин қавм бигӯй:
„Ба шунидан хоҳед шунид, вале нахоҳед фаҳмид,
ва ба дидан хоҳед дид, вале нахоҳед донист“+.
10 Дили ин қавм кундфаҳм,
ва гӯшҳошон вазнин,
ва чашмҳошон баста шудааст,
мабодо бо чашмони худ бубинанд,

ва бо гӯшҳои худ бишнаванд,
ва дили онҳо бифаҳмад,
ва руҷӯъ кунанд, ва шифо ёбанд»+.
11 Ва ман гуфтам: «То ба кай, эй Худованд?»
Ва Ӯ гуфт:
«То даме ки шаҳрҳо валангор шуда,
ғайримаскун гардад,
ва хонаҳо бе одам бимонад,
ва замин ба харобазор табдил ёбад.
12 Ва Худованд одамонро дур хоҳад кард,
ва дар замин харобӣ бисьёр хоҳад шуд.
13 Ва агар даҳьяке дар он боз бимонад,
бори дигар он низ хонавайрон хоҳад шуд;
чунон ки аз дарахти писта ва аз дарахти булут
пас аз буридан решаи онҳо боқӣ мемонад,
ончунон насли муқаддас решаи он хоҳад буд»+.

## Иттифоқи ҳалокатовари Расин бо Фақаҳ дар айёми подшоҳии Оҳоз.

7 [1] Ва дар айёми Оҳоз ибни Ютом ибни Узиё подшоҳи Яҳудо
воқеъ шуд, ки Расин подшоҳи Арам ва Фақаҳ ибни Рамальёҳу
подшоҳи Исроил бар зидди Ерусалим баромаданд, то ки бо он ҷанг
кунанд, валекин натавонистанд онро забт намоянд+.
[2] Ва ба хонадони Довуд хабар дода, гуфта шуд: «Арамиён дар хоки
Эфроим ӯрду задаанд». Ва дили вай ва дили қавмаш ларзид, чунон ки
дарахтони ҷангал аз бод меларзанд.
[3] Ва Худованд ба Ишаъё гуфт: «Ту бо писарат Шеорьёшуб ба охири
ҷӯи ҳавзи боло, ба роҳи саҳрои гозурон ба истиқболи Оҳоз баро,+
[4] Ва ба Ӯ бигӯй: худдорӣ намо ва ором бош; натарс, ва дили ту аз
ин ду кундаи нимсӯзи пурдуд, яъне аз шиддати ғазаби Расин ва Арам
ва писари Рамальёҳу хавотир нашавад.
[5] Азбаски Арам, Эфроим ва писари Рамальёҳу дар ҳаққи ту қасди
бад карда, мегӯянд:
[6] „Бар зидди Яҳудо бароем, ва онро муҳосира карда, ба ҳарос
андозем, ва рахна кушода, барои худ забт намоем, ва писари
Тобъалро дар вай подшоҳ таъин кунем“, —
[7] Бинобар ин Худованд Худо чунин мегӯяд: ин ба амал нахоҳад
омад ва иҷро нахоҳад шуд!+
[8] Зеро ки сари Арам Димишқ аст, ва сари Димишқ — Расин; ва баъд
аз шасту панҷ сол Эфроим шикаст хӯрда, дигар қавм нахоҳад шуд.
[9] Ва сари Эфроим Сомария аст, ва сари Сомария — писари
Рамальёҳу. Агар имонатон устувор набошад, шумо устувор нахоҳед
монд».

## Аломати бузург: Писари бокира — Имонуил.

[10] Ва Худованд суханашро ба Оҳоз давом дода, гуфт:
[11] «Барои худ аз Худованд Худои худ аломате талаб намо: онро ё аз
умқи фарш талаб намо, ё аз афрози арш».
[12] Ва Оҳоз гуфт: «Талаб нахоҳам кард, ва Худовандро имтиҳон
нахоҳам намуд».
[13] Ва Ишаъё гуфт: бишнавед, эй хонадони Довуд! Оё одамонро
безор карданатон барои шумо кам аст, ки боз Худои маро безор

мекунед?
[14] Бинобар ин Худованд Худаш ба шумо аломате хоҳад дод: инак,
бокирае ҳомила хоҳад шуд ва Писаре хоҳад зоид, ва Ӯро Имонуил
хоҳад номид+.
[15] Ӯ қаймоқ ва асал хоҳад хӯрд, то даме ки рад кардани чизи бад ва
ихтиёр кардани чизи хубро ёд гирад.
[16] Зеро, пеш аз он ки он кӯдак рад кардани чизи бад ва ихтиёр
кардани чизи хубро ёд гирад, замине ки аз ду подшоҳи он ту
метарсӣ, тарк карда хоҳад шуд.

## Пешгӯӣ дар бораи тохтутозе ки ба Яҳудо маҳдид мекунад.

[17] Худованд бар ту, ва бар қавми ту, ва бар хонадони падари ту
рӯзҳое хоҳад овард, ки аз замоне ки Эфроим аз Яҳудо ҷудо шуд,
наомада буд, яъне подшоҳи Ашшурро хоҳад овард+.
[18] Ва дар он рӯз воқеъ хоҳад шуд, ки Худованд ба магасе ки дар
резишгоҳи наҳрҳои Миср аст, ва ба занбӯре ки дар замини Ашшур
аст, хитоб хоҳад кард,+
[19] Ва ҳамаашон омада, дар водиҳои вайрона, ва дар шикофҳои
сахраҳо, ва бар ҳамаи хорбӯттаҳо, ва бар ҳамаи чарогоҳҳо ҷойгир
хоҳанд шуд.
[20] Дар он рӯз Худованд бо устурае ки аз он тарафи наҳр киро карда
шуда бошад, яъне ба воситаи подшоҳи Ашшур, мӯйсар ва мӯи
пойҳоро хоҳад тарошид; ва ҳатто ришро он устура нест хоҳад кард+.
[21] Ва дар он рӯз воқеъ хоҳад шуд, ки ҳар кас як ғуноҷин ва ду меш
нигоҳ хоҳад дошт,
[22] Ва аз бисьёрии шире ки медӯшад, қаймоқ хоҳад хӯрд, зеро ҳар
кӣ дар ин замин боқӣ монда бошад, хӯрокаш қаймоқ ва асал хоҳад
буд.
[23] Ва дар он рӯз воқеъ хоҳад шуд, ки ҳар ҷое ки дар он ҳазор ток ба
баҳои ҳазор сиқли нуқра мавҷуд буд, ҷои явшон ва хори шутур хоҳад
гардид.
[24] Бо тирҳо ва камонҳо мардум ба он ҷо хоҳанд омад, зеро ки
тамоми замин аз явшон ва хори шутур пур хоҳад шуд+.
[25] Ва ба ҳар кӯҳе ки бо каланд кор карда мешуд, ту аз тарси явшон
ва хори шутур нахоҳӣ омад: ба он ҷо барзаговонро хоҳанд фиристод,
ва гӯсфандон онро поймол хоҳанд кард.

## Тасаллӣ барои имондорон.

## Даъват кардан ба имоноварӣ ба Худои Ҳай.

**8** [1] Ва Худованд ба ман гуфт: «Вараќи калоне барои худ бигир, ва
бар он бо хати маъмул бинавис: „Маҳер шолол, ҳош баз“*»+.
[2] Ва ман барои худ шоҳидони амин — Уриёи коҳин ва Закарьё
ибни Баракьёро гирифтам,+
[3] Ва ба набия наздикӣ кардам, ва ӯ ҳомила шуда, писаре зоид; ва
Худованд ба ман гуфт: «Номи ӯро чунин бихон: Маҳер-шолол-ҳош-
баз;
[4] Зеро, пеш аз он ки кӯдак тавонад „Падарам“ ва „Модарам“
бигӯяд, сарвати Димишқ ва ғанимати Сомарияро пеши подшоҳи
Ашшур хоҳанд бурд»+.
[5] Ва Худованд суханашро ба ман давом дода, боз гуфт:
[6] «Азбаски ин қавм аз обҳои Шилӯаҳ, ки оҳиста-оҳиста ҷорӣ
мешавад, нафрат карда, аз Расин ва писари Рамальёҳу ба ваҷд
меоянд,+
[7] Бинобар ин, инак Худованд обҳои наҳри пурталотум ва бузургро
— подшоҳи Ашшур ва тамоми ҳашамати ӯро — бар онҳо хоҳад овард;
ва он аз ҳамаи шохобҳояш боло хоҳад баромад,
ва аз ҳамаи канорҳояш берун хоҳад рафт;+
[8] Ва туғьёнаш ба Яхудо гузашта, онро зер хоҳад кард,
ва саршор гардида, то ба гардан хоҳад расид;
ва болҳои он тамоми арзу тӯли замини туро,
эй Имонуил, фаро хоҳад гирифт»+.
[9] Талотум хоҳед кард, эй қавмон,
вале шикаст хоҳед хӯрд!
Ва гӯш андозед, эй ҳамаи кишварҳои дурдаст:
камари худро хоҳед баст, вале шикаст хоҳед хӯрд!
Камари худро хоҳед баст, вале шикаст хоҳед хӯрд!
[10] Қасд хоҳед кард, вале он ботил хоҳад шуд!
Сухан хоҳед ронд, вале он ба амал нахоҳад омад,
зеро ки Худо бо мост!+
[11] Зеро Худованд ба ман чунин гуфт, дар сурате ки дасти қавми Ӯ
бар ман буд, ва ба ман талқин намуд, ки бо роҳи ин қавм наравам; ва

гуфт:
12 «Ҳар он чиро, ки ин қавм суиқасд ҳисоб мекунанд,
шумо суиқасд ҳисоб накунед;
ва аз он чи онҳо метарсанд, натарсед,
ва биме надошта бошед+.
13 Худованди лашкарҳоро, — танҳо Ӯро, —
тақдис намоед,
ва Ӯ тарси шумо бошад,
ва Ӯ бими шумо бошад.
14 Ва Ӯ макони муқаддас барои шумо хоҳад буд,
ва санги пешпо ва сахраи монеа —
барои ҳар ду хонадони Исроил,
ва тузоқу қуллоб — барои сокинони Ерусалим+.
15 Ва бисьёре аз онҳо пешпо хоҳанд хӯрд,
ва фурӯ хоҳанд ғалтид, ва ба шикаст дучор
хоҳанд гардид,
ва дар тузоқ хоҳанд афтод, ва гирифтори куллоб
хоҳанд шуд.

16 Шаҳодатро мисли лӯлае бипечон, ва шариатро дар миёни шогирдони Ман мӯҳр намо»+.

17 Ва ман ба Худованде ки рӯи Худро аз хонадони Яъқуб пинҳон кардааст, интизорӣ кашида, умедвори Ӯ хоҳам шуд+.

18 Инак ман ва фарзандоне ки Худованд ба ман додааст, аз ҷониби Худованди лашкарҳо, ки дар Сион сокин аст, барои Исроил аломот ва ишорот ҳастем+.

19 Ва чун ба шумо гӯянд: «Аз ҷодугарон ва азоимхононе ки суфу куф ва ириму ҷирим мекунанд, дархост намоед», — бигӯед: «Ҳар қавм, охир, аз Худои худ дархост менамоянд, на ин ки ба воситаи мурдаҳо дар бораи зиндаҳо!»+.

20 Ба шариат ва шаҳодат рӯ оваред! Ба яқин сухане мисли ин хоҳанд гуфт, ки он ҳеҷ маъное надорад+.

21 Ва қавм бо машаққат ва гуруснагӣ бар замин хоҳанд гашт; ва чун гурусна монанд, хашмгин шуда, подшоҳи худ ва Худои худро лаънат хоҳанд кард; ва ба боло рӯй хоҳанд овард,+

22 Ва бар замин хоҳанд нигарист, ва инак тангӣ ва тирагист, зулмоти нокомист, ва дар торикӣ андохта хоҳанд шуд+.

## Умеди ягонаи Исроил ба Кӯдак.

9 [1] Зеро вай, ки ба танг меоварад, хастагӣ надорад; дар замони
аввал таъсираш сабук буд: фақат замини Забулун ва замини
Нафтолиро забт намуд; вале дар замони охир таъсираш бар роҳи
дарьё, он тарафи Урдун, Ҷалили халқҳо, вазнин шудааст+.
[2] Қавме ки дар торикӣ мегаштанд,
нури азиме диданд; бар онҳое ки дар кишвари
сояи марг менишастанд,
нуре дурахшид+.
[3] Ту халқро афзун гардондӣ,
шодмонии онҳоро зиёд кардӣ:
ба ҳузури Ту шодӣ карданд,
мисли шодмонии мавсими дарав,
мисли касоне ки дар вақти тақсим кардани ғанимат ба ваҷд
меоянд,+
[4] Зеро ки Ту юғи вазнини онҳоро, ва ғӯлачӯберо,
ки бар дӯши онҳо буд,
яъне калтаки ситамгари онҳоро шикастӣ,
чунон ки дар рӯзи Мидьён воқеъ шуда буд+.
[5] Зеро ки тамоми пойафзоли пурсадои сарбозон
ва тамоми либоси оғуштаи хун сӯхта,
тӯъмаи оташ хоҳад шуд+.
[6] Зеро ки кӯдаке барои мо таваллуд ёфт,
Писаре ба мо дода шуд,
ва салтанат бар дӯши Ӯ хоҳад буд,
ва номи Ӯ Аҷиб, Мушовир, Худои Ҷаббор,
Падари ҷовид, Мири осоиштагӣ хонда хоҳад шуд+.
[7] Афзоиши салтанат ва осоиштагии Ӯ
бар тахти Довуд ва бар мамлакати вай
интиҳо нахоҳад дошт,
то ки онро бо инсоф ва адолат,
минбаъд ва то абадулобод барқарор
ва мустаҳкам намояд;
рашки Худованди лашкарҳо инро ба амал
хоҳад овард+.

## Дасти дарози Худованд; ҷазои ногузири Худо.

8 Худованд каломе ба Яъқуб фиристод,
ва он бар Исроил нузул кард.
9 Ва тамоми қавм хоҳанд донист,
яъне Эфроим ва сокинони Сомария,
ки бо ғурур ва такаббури дил мегӯянд:
10 «Хиштҳо афтодааст,
вале мо бо сангҳои тарошида бино хоҳем кард;
дарахтони тутанҷир бурида шудааст,
вале мо арзҳоро ба ҷои онҳо ба кор хоҳем бурд».
11 Ва Худованд хасми ӯ — Расинро бар зидди ӯ
мустаҳкам хоҳад кард,
ва душманони ӯро хоҳад барангехт:+
12 Арамиёнро аз шарқ, ва фалиштиёнро аз ғарб;
ва онҳо Исроилро бо иштиҳои тамом хоҳанд хӯрд;
бо ин ҳама, ғазаби Ӯ фурӯ нанишастааст,
ва дасти Ӯ ҳанӯз дароз аст+.
13 Вале ин қавм сӯи Занандаи худ барнагаштаанд,
ва аз Худованди лашкарҳо дархост накардаанд+.
14 Бинобар ин Худованд сар ва думро,
нахл ва найро аз Исроил дар як рӯз хоҳад бурид:+
15 Муршид ва шариф сар аст;
вале набие ки муаллими дурӯғҳост, дум мебошад+.
16 Ва пешвоёни ин қавм онҳоро дар иштибоҳ
хоҳанд андохт,
ва муридонашон дарҳам-барҳам хоҳанд шуд.
17 Бинобар ин Худованд аз ҷавонони онҳо шод
нахоҳад шуд,
ва бар ятимон ва бевазанони онҳо раҳм
нахоҳад кард,
зеро ки ҳамаашон риёкор ва бадкирдор мебошанд,
ва ҳар даҳоне бо ҳақорат сухан меронад;
бо ин ҳама, ғазаби Ӯ фурӯ нанишастааст,
ва дасти Ӯ ҳанӯз дароз аст+.
18 Зеро ки шарорат мисли оташ даргирифтааст,

явшон ва хори шутурро мехӯрад,
ва дар шохаҳои печ дар печи ҷангал месӯзад,
ва сутунҳои баланди дуд печида мебарояд.
19 Аз ғазаби Худованди лашкарҳо замин сӯхта
сиёҳ шудааст,
ва қавм гӯё ки тӯъмаи оташ гардидаанд:
касе ба бародари худ раҳм намекунад+.
20 Аз тарафи рост бурида мегиранд, ва гурусна мемонанд,
ва аз тарафи чап мехӯранд, ва сер намешаванд;
ҳар кас гӯшти бозуи худро мехӯрад+.
21 Менашше ба Эфроим, ва Эфроим ба Менашше,
ва ҳар ду якҷоя ба Яҳудо ҳамла мекунанд;
бо ин ҳама, ғазаби Ӯ фурӯ нанишастааст,
ва дасти Ӯ ҳанӯз дароз аст+.

## Вой бар доварони ноинсоф.

10 [1] Эй вой бар қонунгузороне ки ҷафоро
ба ҳукми қонун медароранд;
ва эй вой бар котибоне ки аҳкоми ноинсофона
менависанд,+
[2] Барои он ки мискинонро аз доварӣ маҳрум созанд,
ва ҳуқуқи мазлумони қавми Маро бирабоянд,
то ки бевазанонро ғанимати худ гардонанд,
ва ятимонро толону тороҷ кунанд!+
[3] Пас шумо дар рӯзи доварӣ,
ва дар таҳлукае ки аз дурдаст меояд, чӣ хоҳед кард?
Аз кӣ барои мадад паноҳ хоҳед ҷуст?
Ва сарвати худро дар куҷо пинҳон хоҳед кард?
[4] Магар ин ки дар миёни бандиён сари таслим
фурӯд оваранд
ва дар миёни мақтулон фурӯ ғалтанд;
бо ин ҳама, ғазаби Ӯ фурӯ нанишастааст,
ва дасти Ӯ ҳанӯз дароз аст+.

## Пешгӯии доварӣ бар Ашшур. Чӯбдасти Худо бар Сомария.

[5] Ҳой, Ашшур, ки чӯбдасти ғазаби Ман аст,
ва қаҳри Ман асоест дар дасти вай!+
[6] Ман варо ба муқобили халқи риёкор хоҳам фиристод,
ва бар зидди қавми хашмовари Ман
амр хоҳам фармуд,
ки ғанимат бигирад ва ба яғмо бибарад,
ва онҳоро мисли лои кӯчаҳо поймол кунад+.
[7] Валекин вай ин гуна фикр намекунад,
ва андешаи дили вай чунин нест,
балки дар дили худ ҳавас дорад,
ки халқҳои бисьёрро торумор ва маҳв созад;+
[8] Зеро ки мегӯяд: «Мирони ман, охир,
саросар подшоҳонанд!
[9] Калну, охир, мисли Каркамиш таслим шудааст!
Оё Ҳамот мисли Арфод нест?

Оё Сомария мисли Димишқ нест+?
10 Чунон ки дасти ман бар мамлакатҳои бутпараст
зафар ёфтааст,
ва ҳол он ки санамҳошон аз санамҳои Ерусалим
ва Сомария зиёдтар буд,
11 Чунон ки, охир, бо Сомария ва бутҳояш амал
кардаам,
онҷунон бо Ерусалим ва ҳайкалҳояш амал
хоҳам кард»+.
12 Ва воқеъ хоҳад шуд, баъд аз он ки Худованд тамоми амали
Худро бар кӯҳи Сион ва дар Ерусалим анҷом диҳад, Ӯ хоҳад гуфт:
«Ман лофу газофи дили пурғурури подшоҳи Ашшур ва нигоҳи
ҳавобаландонаи чашмони варо ба ҷазо гирифтор хоҳам кард»+.
13 Зеро ки вай мегӯяд:
«Бо қуввати дасти худ ва бо ҳикмати худ
ин корро кардам,
чунки хирадманд ҳастам;
ва ҳудуди қавмонро аз миён бардоштам,
ва хазоини онҳоро толону тороҷ намудам,
ва мисли баҳодуре бар тахт нишастагонро
вожгун сохтам;+
14 Ва дасти ман сарвати қавмонро мисли лонае
гирифтааст,
ва мисли он ки тухмҳои дар лона бударо чида
мегиранд, ман тамоми заминро чида гирифтам,
ва ҷонваре набуд, ки бол ҷунбонад, ва даҳон
кушояд, ва чириқ-чириқ кунад».
15 Оё табар бар касе ки бо он мешиканад, ғурур хоҳад кард?
Оё арра бар касе ки онро мекашад, фахр
хоҳад намуд?
Гӯё ки чӯбдаст баландкунандаи худро
ба ҳаракат меоварда бошад!
Гӯё ки асо он чиро, ки чӯб нест, баланд
мекарда бошад!
16 Бинобар ин Худованд, Худованди лашкарҳо,
ба фарбеҳони вай лоғарӣ хоҳад фиристод,

ва дар ивази ҷалоли вай сӯхторе мисли
сӯхтани оташ барафрӯхта хоҳад шуд+.
17 Ва Нури Исроил оташ, ва Қуддуси он аланга
хоҳад шуд.
ва явшону хори шутури варо дар як рӯз
сӯзонида, хоҳад хӯрд;+
18 Ва ҷалоли ҷангали варо, ва боғистони варо,
аз ҷон то ҷисм, маҳв хоҳад кард;
ва он мисли ранҷуре обу адо хоҳад шуд.
19 Ва бақияи дарахтони ҷангали вай он қадар
камшумор хоҳад буд,
ки кӯдаке онҳоро ба рӯйхат тавонад гирифт.

## Рӯъёи бақияи Исроил, ки аз андӯҳи бузурге наҷот ёфтааст.

20 Ва дар он рӯз воқеъ хоҳад шуд, ки бақияи Исроил ва
растагорони хонадони Яъқуб дигар ба занандаи худ эътимод
нахоҳанд кард, балки ба Худованд, ки Қуддуси Исроил аст, аз сидқи
дил таваккал хоҳанд намуд.
21 Бақия хоҳад баргашт: бақияи Яъқуб — сӯи Худои Ҷаббор.
22 Зеро, ҳарчанд қавми ту, эй Исроил,
мисли реги дарьё бошанд ҳам,
фақат бақияе аз онҳо хоҳад баргашт:
ҳалокате ки муқаррар гардидааст,
аз рӯи адолат ба амал хоҳад омад+.
23 Зеро ки Худованд, Худованди лашкарҳо, ҳалокати
муқарраргардидаро бар тамоми замин ба амал хоҳад овард+.
24 Бинобар ин Худованд, Худованди лашкарҳо, чунин мегӯяд: «Эй
қавми Ман, ки дар Сион сокин ҳастед! Аз Ашшур натарсед; вай бо
чӯбдаст шуморо хоҳад зад, ва мисли Миср асои худро бар шумо хоҳад
бардошт+.
25 Вале баъд аз замони бағоят каме ғазаби Ман фурӯ хоҳад нишаст,
ва хашми Ман ба маҳв кардани онҳо нигаронида хоҳад шуд.
26 Ва Худованди лашкарҳо бар вай тозиёна хоҳад бардошт, мисли
зарбаи Мидьён бар кӯҳпораи Ӯреб; ва асои Ӯ бар баҳр хоҳад буд, ва
онро баланд хоҳад кард, чунон ки бар Миср баланд карда буд+.

27 Ва дар он рӯз воқеъ хоҳад шуд, ки бори вай аз дӯши ту, ва юғи
вай аз гардани ту нест хоҳад шуд; ва юғ ба сабаби чарб зиён хоҳад
дид»+.

## Дар бораи ҳарбу зарби бузург.

28 Вай ба Айёт расид;
аз Маҷрун гузашт;
захоири худро дар Михмос монд+.
29 Аз маъбар гузаштанд;
дар Ҷабъ манзил карданд;
аҳли Рома ба ҳарос афтоданд;
аҳли Ҷабъаи Шоул рӯй ба гурез оварданд+.
30 Бо овози худ фиғон бардор, эй духтари Ҷалим!
Гӯш андоз, эй Лайшо! Ҷавоб гардон, эй Анотӯт!+
31 Аҳли Мадмено гурехтанд,
сокинони Ҷебим сӯи паноҳгоҳ шитофтанд.
32 Худи имрӯз вай дар Нӯб мавқеъ мегирад;
ба кӯҳи духтари Сион, ба теппаи Ерусалим
дасти тааддӣ дароз мекунад+.
33 Инак, Худованд, Худованди лашкарҳо,
бо қуввати саҳмгине шоху баргҳоро
парешон хоҳад кард,
ва баландқоматон бурида хоҳанд шуд,
ва олимақомон вожгун хоҳанд гардид+.
34 Ва шохаҳои печ дар печи ҷангалро бо оҳан
қатъ хоҳад кард,
ва Лубнон аз дасти неруманд фурӯ хоҳад ғалтид.

## Масеҳ Малакути осоиштагӣ барпо намуда, парокандагонро ҷамъ хоҳад кард.

**1** [1] Ва навдае аз танаи Йисой берун хоҳад омад,
ва ниҳоле аз решаҳояш сабзида, бор хоҳад овард.
[2] Ва бар Ӯ Рӯҳи Худованд,
рӯҳи ҳикмат ва хирад,
рӯҳи машварат ва қудрат,
рӯҳи шинохтани Худованд ва тарси Ӯ
қарор хоҳад гирифт+.
[3] Ва рӯҳи худотарсӣ Ӯро пур хоҳад кард,
ва Ӯ на бар тибқи нигоҳи чашмонаш
доварӣ хоҳад намуд,
ва на аз рӯи шуниди гӯшҳояш ҳукм хоҳад кард,
[4] Балки мискинонро бо адолат доварӣ хоҳад кард,
ва мазлумони заминро бо росткорӣ ҳукм хоҳад намуд;
ва бо чӯбдасти даҳонаш заминро зарба хоҳад зад,
ва бо дами лабҳояш шарирро хоҳад кушт+.
[5] Ва адолат миёнбанди камараш,
ва садоқат камарбанди миёнаш хоҳад буд.
[6] Ва гург бо барра зиндагӣ хоҳад кард,
ва паланг бо бузғола хоҳад хобид;
ва гӯсола ва шербача ва парворӣ бо ҳам хоҳанд буд,
ва кӯдаки хурде онҳоро хоҳад чаронид+.
[7] Ва гов бо хирс хоҳад чарид,
ва бачаҳои онҳо бо ҳам хоҳанд хобид;
ва шер мисли гов коҳ хоҳад хӯрд.
[8] Ва бачаи ширмак бар сӯрохи мори гурза
бозӣ хоҳад кард,
ва кӯдаки аз пистон баромада дасти худро
ба хонаи мори афъӣ дароз хоҳад кард.
[9] Дар тамоми кӯҳи муқаддаси Ман
бадӣ нахоҳанд кард ва осебе нахоҳанд расонид,
зеро замин аз шинохтани Худованд пур хоҳад буд,
мисли он ки баҳр пур аз обҳост+.
[10] Ва дар он рӯз воқеъ хоҳад шуд,

ки решаи Йисой ливое барои қавмҳо хоҳад
гардид, — халқҳо ба ӯ рӯ хоҳанд овард,
ва осоиштагии ҷалоли ӯ хоҳад буд+.
11 Ва дар он рӯз воқеъ хоҳад шуд,
ки Худованд дубора дасти Худро дароз хоҳад кард,
то ки бақияи қавми Худро,
ки аз Ашшур ва Миср, аз Патрос ва Ҳабаш,
аз Элом ва Шинъор ва аз Ҳамот
ва ҷазираҳои баҳр саломат монда бошанд,
баргардонад+.
12 Ва Ӯ ливое барои халқҳо барафрошта,
рондашудагони Исроилро ҷамъ хоҳад кард,
ва парокандагони Яҳудоро
аз чор канори дунъё фароҳам хоҳад оварл+.
13 Ва ҳасади Эфроим нест хоҳад шуд,
ва душманони Яҳудо маҳв хоҳанд гардид.
Эфроим аз Яҳудо ҳасад нахоҳад хӯрд,
ва Яҳудо Эфроимро ба танг нахоҳад оварл+.
14 Ва онҳо якҷоя бар китфи фалиштиён ба ғарб
ҳуҷум хоҳанд оварл,
аҳли шарқро тороҷ хоҳанд кард,
бар Эдӯм ва Мӯоб дасти худро хоҳанд гузошт,
ва банӣ-Аммӯн ба онҳо тобеъ хоҳанд шуд+.
15 Ва Худованд халиҷи баҳри Мисрро хоҳад хушконид,
ва дасти Худро бо боди шадиди Худ бар наҳр
афшонда,
онро ба ҳафт ҷӯй тақсим хоҳад кард,
ва одамонро бо роҳи хушк хоҳад гузаронид+.
16 Ва барои бақияи қавми Ӯ,
ки аз Ашшур саломат монда бошанд,
шоҳроҳе мавҷуд хоҳад буд,
чунон ки барои Исроил дар рӯзи берун
омадани вай аз замини Миср мавҷуд буд+.

## Суруди ҳамду санои наҷотъёфтагон.

2 [1] Ва дар он рӯз хоҳӣ гуфт:
«Туро, эй Худованд, ҳамд мегӯям,
зеро ки ҳарчанд бар ман ғазаб кардӣ,
аммо ғазабат фурӯ нишаст,
ва маро тасаллӣ додӣ+.
[2] Инак, Худо наҷоти ман аст:
ман ба Ӯ таваккал мекунам, ва наметарсам,
зеро ки қуввати ман ва суруди ман Худованд Худост,
ва Ӯ наҷоти ман гардидааст»+.
[3] Ва бо шодмонӣ
аз чашмаҳои наҷот об хоҳед кашид.
[4] Ва дар он рӯз хоҳед гуфт:
«Худовандро ҳамд гӯед, исми Ӯро бихонед;
корҳои Ӯро дар миёни қавмон хабар диҳед;
зикр намоед, ки исми Ӯ олист+.
[5] Худовандро бисароед, зеро ки Ӯ
корҳои бузург кардааст;
ин дар тамоми замин маълум аст+.
[6] Ба ваҷд ой ва бисарой, эй сокинаи Сион,
зеро ки Қуддуси Исроил андаруни ту бузург аст»+.

## Нубувват дар борои Бобил дар рӯзи Худованд иҷро хоҳад шуд.

# 3

[1] Ваҳй дар бораи Бобил, ки онро Ишаъё ибни
Омӯс дидааст+.
[2] Бар кӯҳи бараҳна ливое бардоред,
бо овози баланд онҳоро даъват намоед
ва бо даст ишора кунед,
то ки сӯи дарвозаҳои мирон биёянд+.
[3] Ман ба муқаддасони Худ амр фармудам,
ва ин зӯроварони Худро,
ки бо кибриёи Ман ваҷд мекунанд,
ба рехтани ғазабам даъват намудам.
[4] Садои ҳаёҳу дар кӯҳҳо
мисли ғиреви қавми сершумор аст;
садои ғавғои мамлакатҳо
ва халқҳоест, ки ҷамъ омадаанд:
Худованди лашкарҳо сипоҳи ҷангиро
аз назар мегузаронад.
[5] Онҳо аз замини дурдаст,
аз ақсои осмон меоянд,
— яъне Худованд ва олоти ғазаби Ӯ, —
то ки тамоми заминро несту нобуд кунанд+.
[6] Вовайло кунед, зеро ки рӯзи Худованд наздик аст:
мисли таҳлукае аз ҷониби Қодир меояд+.
[7] Бинобар ин ҳамаи дастҳо суст мешавад,
ва ҳамаи дилҳои мардум бемаҷол мегардад,+
[8] Ва онҳоро воҳима мегирад,
ба дарду озорҳо гирифтор мешаванд,
мисли зане ки мезояд, азоб мекашанд,
ба якдигар бо ҳайрат нигоҳ мекунанд,
рӯйҳошон аз ҳаяҷон шӯълавар аст+.
[9] Инак рӯзи Худованд меояд,
ки рӯзи бераҳм ва пур аз шиддати хашм ва
ғазаб аст,
то ки заминро харобазор гардонад,
ва гуноҳкорони онро маҳв намояд+.

10 Зеро ки ситорагони осмон ва сайёраҳои он
аз худ рӯшноӣ нахоҳанд дод;
офтоб дар вақти тулӯи худ хира хоҳад шуд,
ва моҳ бо рӯшноии худ нахоҳад дурахшид+.
11 Ва Ман дуньёро барои шарорат,
ва шариронро барои гуноҳҳошон
ба ҷазо гирифтор хоҳам кард,
ва ба кибри бадқасдон хотима хоҳам дод,
ва ғурури мустабидонро ба залолат хоҳам андохт+.
12 Инсонро аз зари холис,
ва одамро аз тиллои Ӯфир азизтар хоҳам гардонид+.
13 Бинобар ин осмонро ба ларза хоҳам овард,
ва замин аз ғазаби Худованди лашкарҳо
дар рӯзи шиддати хашми Ӯ
аз ҷои худ хоҳад ҷунбид+.
14 Ва ҳар кас мисли оҳуе ки гирифтори таъқиб
шуда бошад,
ва мисли гӯсфандоне ки чӯпон надошта бошанд,
ба сӯи қавми худ рӯ хоҳад овард,
ва ҳар кас ба сӯи замини худ хоҳад давид+.
15 Ҳар касе ки ёфт шавад, найза хоҳад хӯрд,
ва ҳар касе ки дастгир шавад, аз дами шамшер
хоҳад афтод.
16 Ва кӯдакони онҳо дар пеши назари онҳо
ба деворҳо зада кушта хоҳанд шуд,
хонаҳои онҳо тӯъмаи тороҷ хоҳад гардид,
ва ба номӯси занони онҳо таҷовуз карда хоҳад шуд+.

## Дар бораи хароб шудани Бобил.

17 Инак, Ман ба муқобили онҳо аҳли Модайро
хоҳам барангехт,
ки нуқраро писанд намекунанд, ва ба тилло
рағбат надоранд+.
18 Ва камонҳошон кӯдаконро нобуд хоҳад кард,
ва ба самараи батн раҳм нахоҳад дошт;
чашмонашон ба кӯдакон шафаққат нахоҳад намуд+.

[19] Ва Бобил, ки шукӯҳи мамлакатҳо
ва шавкати ифтихори калдониён аст,
мисли Садӯм ва Амӯро хоҳад шуд,
ки онҳоро Худо вожгун карда буд+.
[20] Вай ҳаргиз обод нахоҳад шуд, ва то абад
маскун нахоҳад гардид;
ва аъробӣ дар он ҷо хайма нахоҳад зад,
ва чӯпонон рамаҳои худро дар он ҷо нахоҳанд
хобонид,+
[21] Балки даррандагони биёбон дар он ҷо хоҳанд хобид;
ва хонаҳои он аз бумҳо пур хоҳад шуд;
ва шутурмурғон дар он ҷо сукунат хоҳанд
дошт; ва ҷинҳои биёбонӣ дар он ҷо рақс
хоҳанд кард+.
[22] Ва шағолон дар кӯшкҳои он,
ва кафторон дар тамошогоҳҳо нула хоҳанд кашид;
ва замони он наздик аст,
ва рӯзҳояш дер нахоҳад кашид.

## Аз нав барқарор шудан ва бузургӣ ёфтани салтанати Исроил.

14 [1] Зеро ки Худованд ба Яъқуб раҳм хоҳад кард, ва Исроилро
боз хоҳад баргузид, ва онҳоро дар заминашон ҷойгир хоҳад
кард; ва аҷнабиён ба онҳо ҳамроҳ шуда, ба хонадони Яъқуб хоҳанд
пайваст+.

[2] Ва қавмон онҳоро гирифта, ба маконашон хоҳанд овард, ва
хонадони Исроил онҳоро дар замини Худованд ҳамчун ғуломон ва
канизон ба тасарруфи худ хоҳанд даровард, ва асиркунандагони
худро асир карда, бар ситамгарони худ ҳукмронӣ хоҳанд кард+.

[3] Ва дар рӯзе ки Худованд туро аз андӯҳат ва аз изтиробат ва аз
меҳнати сахте ки маҷбуран ба ҷо меовардӣ, бираҳонад, чунин воқеъ
хоҳад шуд,

[4] Ки ту ин масалро бар подшоҳи Бобил зада, бигӯӣ:
чӣ гуна он ситамгар маҳв шуд,
ва он зулм барҳам хӯрд!+
[5] Худованд асои шарирон
ва чӯбдасти ҳокимонро шикаст,
[6] Ки он бо ғазаб қавмонро зарбаҳои паёпай мезад,
ва бар халқҳо бо хашм, бо таъқиботи муттасил
ҳукмронӣ мекард.
[7] Тамоми замин ором ёфта, фароғат менамояд;
ба тараннум овоз баланд мекунанд.

## Ҳайвони дарранда ба дӯзах сарнагун шуд.

8 Сарвҳо низ дар ҳаққи ту шодӣ мекунанд,
ва арзҳои Лубнон мегӯянд:
«Аз замоне ки ту фурӯ ғалтидаӣ,
дарахтбуре ба сари мо наомадааст»+.
9 Асфалуссофилин аз барои ту
музтариб шудааст, то ки туро
ҳангоми омаданат истиқбол намояд;
арвоҳи мурдагонро, ҳамаи пешвоёни дуньёро
барои ту бедор кардааст;
ҳамаи подшоҳони халқҳоро аз тахтҳошон
бархезонидааст;
10 Ҳамаашон ба ту хитоб намуда, хоҳанд гуфт:
«Ту низ мисли мо бемаҷол шудаӣ!
Монанди мо гардидаӣ!»
11 Кибриёи ту, садои барбатҳои ту
ба дӯзах фурӯд омадааст;
дар таги ту кирмҳо густурда шудааст,
ва болопӯши ту кирмҳост.
12 Эй зӯҳраи субҳидам,
чӣ гуна аз осмон афтодаӣ!
Эй, ки халқҳоро поймол мекардӣ,
чӣ гуна ба замин бархӯрдаӣ!+
13 Ва ҳол он ки ту дар дили худ мегуфтӣ:
«Ман ба осмон сууд карда,
курсии худро болотар аз ситорагони Худо хоҳам гузошт,
ва бар кӯҳи анҷумани худоён,
дар ақсои шимол хоҳам нишаст;+
14 Бар баландиҳои абрҳо сууд намуда,
монанди Ҳаққи Таоло хоҳам шуд»+.
15 Аммо ту ба дӯзах,
ба ақсои асфалуссофилин сарнагун хоҳӣ шуд+.
16 Онҳое ки туро мебинанд, ба ту назар дӯхта
ва дар ҳаққи ту фикру хаёл карда, хоҳанд гуфт:
«Оё ин ҳамон кас аст, ки заминро ба ҷунбиш меовард,

мамлакатҳоро ба ларза меандохт,
17 Дуньёро мисли биёбон гардонид,
ва шаҳрҳои онро хароб мекард,
ва асирони худро ба хонаҳошон ҷавоб намедод?»+

## Доварӣ бар Бобил.

18 Ҳамаи подшоҳони халқҳо саросар,
ҳар яке дар оромгоҳи худ бо ҷалол хобидаанд,
19 Валекин ту берун аз қабри худ
мисли шохаи зиште партофта шудаӣ,
— мисли либоси мақтулоне ки шамшер хӯрда,
дар миёни сангҳои хандак фурӯ рафта бошанд,
мисли ҷасаде ки поймол шуда бошад.
20 Ту бо онҳо дар қабр нахоҳӣ пайваст,
зеро ки ту замини худро хароб кардаӣ,
қавми худро куштаӣ;
насли бадкешон то абад зикр нахоҳад ёфт+.
21 Барои писарони вай,
ба сабаби гуноҳи падарашон, қатлро муҳайё намоед,
то ки қиём накунанд, ва заминро мусаххар накунанд
ва рӯи дуньёро аз шаҳрҳо пур насозанд.
22 «Ва Ман бар зидди онҳо қиём хоҳам намуд, — мегӯяд Худованди
лашкарҳо, — ва номи Бобил ва бақияи онро: ҳам писар ва ҳам
набераро маҳв хоҳам кард», — мегӯяд Худованд.
23 «Ва онро мероси хорпуштҳо ва ботлоқзор хоҳам гардонид, ва
онро бо ҷорӯби ҳалокат хоҳам рӯфт», — мегӯяд Худованди
лашкарҳо+.
24 Худовани лашкарҳо қасам хӯрда, мегӯяд: «Ба яқин, чунон ки
салоҳ дидаам, ончунон хоҳад шуд, ва чунон ки қарор додаам,
ончунон ба амал хоҳад омад:
25 Ашшурро дар замини Худ шикаст хоҳам дод, ва бар кӯҳҳои Худ
поймол хоҳам кард; ва юги вай аз гардани онҳо дур хоҳад шуд, ва
бори вай аз дӯши онҳо нест хоҳад шуд»+.
26 Чунин аст қароре ки дар бораи тамоми дуньё қабул гардидааст,
ва ин аст дасте ки бар ҳамаи халқҳо дароз карда шудааст.

27 Зеро ки Худованди лашкарҳо қарор додааст, ва кист, ки онро
тавонад ботил намояд? Ва дасти Ӯ дароз карда шудааст, ва кист, ки
онро тавонад баргардонад+?
28 Дар соле ки подшоҳ Оҳоз вафот кард, ин ваҳй омадааст:+
29 Эй тамоми замини Фалиштӣ, шодӣ накун,
ки чӯбдасте ки туро мезад, шикастааст;
зеро ки аз решаи мор афъӣ мебарояд,
ва самараи он — аждаҳои паррон хоҳад буд.
30 Ва мардуми бағоят бенаво ба серӣ хоҳанд хӯрд,
ва мискинон дар амният хоҳанд хобид;
вале решаи туро бо гуруснагӣ нобуд хоҳам кард,
ва бақияи туро ӯ хоҳад кушт.
31 Эй дарвоза, вовайло намо! Эй шаҳр, фарьёд зан!
Эй тамоми замини Фалиштӣ, аз ҳам пош хоҳӣ хӯрд!
Зеро ки аз шимол дуд меояд,
ва аз ӯрдуи онҳо як нафар ҳам қафо нахоҳад монд.
32 Пас, ба қосидони ин халқ ӯ чӣ ҷавобе хоҳад дод?
Ин ки Худованд Сионро буньёд кардааст,
ва мискинони қавми Ӯ дар он паноҳ хоҳанд бурд+.

## Нубувват дар бораи Мӯоб.

5 [1] Ваҳй дар бораи Мӯоб.
Ҳайҳот, ки дар як шаб Ор хароб гардида,
аҳли Мӯоб нобуд шудаанд!
Ҳайҳот, ки дар як шаб Қир хароб гардида,
аҳли Мӯоб нобуд шудаанд!+
[2] Мардуми он ба буткада,
ва аҳли Дивӯн ба минбарҳо барои гиристан баромадаанд;
Мӯоб ба ҳоли Набӯ ва Медбо вовайло мекунад;
мӯйсари ҳама гирифта шудааст, риши ҳама
тарошида шудааст+.
[3] Дар кӯчаҳои он мардум бар камари худ палос
бастаанд;
бар бомҳои он ва дар майдонҳои он ҳама
вовайло мекунанд,
зор-зор мегирьянд.
[4] Ва Ҳешбӯн ва Элъоле фиғон мекашанд;
овозашон то Ёҳас шунида мешавад;
бинобар ин ҷанговарони Мӯоб низ навҳа мекунанд;
ҷони онҳо андарунашон меларзад+.
[5] Дили ман ба ҳоли Мӯоб фиғон мекашад:
гурезаҳои он то ба Сӯор ва Эҷлот-Илишиё расидаанд.
Ҳайҳот, ки ба фарози Луҳит гирьякунон мебароянд,
ва дар аснои роҳи Ҳӯрӯноим доду фарьёди
ҷонгудозе мебароранд!+
[6] Ҳайҳот, ки обҳои Нимрим тамом шудааст,
чаманзор хушкидааст, наботот талаф гардидааст,
сабзае боқӣ намондааст!
[7] Бинобар ин сарвати андӯхтаи худ
ва пасандозҳои худро ба он соҳили наҳри
Аровим мебаранд.
[8] Ҳайҳот, ки ҳудуди Мӯобро фигон фаро гирифтааст!
Вовайлои он то Эҷлоим аст, вовайлои он
то Беэр-Элим аст.
[9] Ҳайҳот, ки оби Димон аз хун пур шудааст!

Ва Ман бар Димон боз балоҳо хоҳам овард:
бар гурезаҳои Мӯоб ва бар боқимондагони
заминаш шерро хоҳам овард.

## Давоми нубувват.

6 [1] Гӯсфандони парвориро барои ҳокими замин
аз Салъ бо роҳи биёбон ба кӯҳи духтари Сион
бифиристед+.
[2] Ва духтарони Мӯоб назди маъбарҳои Арнӯн
мисли мурғи оворае ки аз лонааш ронда шуда
бошад, хоҳанд буд+.
[3] «Машварат бидеҳ, додгарӣ бикун,
сояи худро пешингоҳон мисли шаб бар мо биафкан,
рондашудагонро пинҳон намо, оворагонро
таслим накун.
[4] Бигзор мӯобиёни рондашудаи ман назди ту
маскан гиранд:
барои онҳо аз дасти тороҷгар паноҳгоҳ бош,
то даме ки золим нест шавад, тороҷ хотима ёбад,
ва ситамгарон аз рӯи замин маҳв гарданд.
[5] Ва бигзор тахт бо марҳамат устувор бошад,
ва бар он дар хаймаи Довуд доваре
дар садоқат нишинад,
ки толиби инсоф
ва роғиби адолат бошад»+.
[6] Дар бораи ғурури Мӯоб, ки вай бағоят мағрур аст,
дар бораи кибр ва ғурур ва хашми вай шунидаем:
лофу газофи вай пуч аст+.

## Вовайлои духтарони Мӯоб.

[7] Бинобар ин аҳли Мӯоб ба ҳоли Мӯоб вовайло
мекунанд, саросар вовайло мекунанд.
Ба ёди кулчаҳои мавизии Қир-Ҳарешет
аз дили пурхун нолиши ҷонсӯз хоҳед кард!+
[8] Киштзорҳои Ҳешбӯн хароб шудааст, токзори
Сибмо низ:
ҳокимони халқҳо разҳои онро шикастаанд,
ки то Яъзир расида, дар биёбон паҳн шуда буд;
навдаҳои он вусъат ёфта, ба тарафи баҳр гузашта буд+.

[9] Бинобар ин ман ҳамроҳи Яъзир ба ҳоли
токзори Сибмо гирья мекунам;
шуморо, эй Ҳешбӯн ва Элъоле, бо ашкҳои худ
сероб менамоям,
зеро ки бар ғунучини меваи тобистони ту
ва бар мавсими ангуркании ту гулбонг афтодааст+.
[10] Ва аз саҳроҳо хурсандӣ ва сурур барҳам хӯрдааст
ва дар токзорҳо садоҳои тараннум ва шодмонӣ
шунида намешавад;
токдоре ангурро дар чархуштҳо пахш намекунад:
гулбонги шодиро Ман барҳам додаам.
[11] Бинобар ин амъои ман ба ҳоли Мӯоб,
ва ботини ман ба ҳоли Қир-Ҳарешет
мисли барбат нолиш мекунад+.
[12] Ва ҳарчанд Мӯоб ҳозир шуда,
бар минбарҳо заҳмат кашад
ва ба макони муқаддаси худ барои дуо биёяд,
манфиате нахоҳад дид.
[13] Ин аст каломе ки Худованд дар ҳаққи Мӯоб
аз қадимулайём гуфтааст.
[14] Ва алҳол Худованд чунин мегӯяд:
«Баъд аз се сол, мисли солҳои муздур,
ҷалоли Мӯоб бо тамоми оммаи сершумори он
ба залолат хоҳад афтод, ва бақияи он
бағоят хурд ва беқувват хоҳад буд»+.

## Пешгӯӣ дар бораи Димишқ ва Исроил.

7 [1] Ваҳй дар бораи Димишқ.
Инак, Димишқ аз миёни шаҳрҳо маҳв гардида,
ғарами харобаҳо хоҳад шуд+.
[2] Шаҳрҳои Арӯэр тарк карда хоҳад шуд,
— маконе барои рамаҳо хоҳад гардид, ва онҳо
дар он ҷо хоҳанд хобид,
ва касе нахоҳад буд, ки онҳоро хӯсонад+.
[3] Ва ҳисор аз Эфроим барҳам хоҳад хӯрд,
ва салтанат аз Димишқ
ва аз бакияи Арам;
ҳолашон мисли ҷалоли банӣ-Исроил хоҳад буд,
— мегӯяд Худованди лашкарҳо.
[4] Ва дар он рӯз воқеъ хоҳад шуд,
ки ҷалоли Яъқуб заиф гардида,
фарбеҳии баданаш ба лоғарӣ табдил хоҳад ёфт;
[5] Ва мисли он хоҳад буд, ки даравгар пояҳоро
ҷамъ мекунад,
ва дасташ хӯшаҳоро медаравад;
ва мисли он хоҳад буд,
ки дар водии Рафоим хӯшаҳоро мечинанд;+
[6] Ва мисли меваҳое ки бар дарахти зайтун
баъд аз зада афшондани он боқӣ мемонад,
дар ӯ ду-се донае бар сари шохаи баландаш,
ва чор-панҷ донае бар навдаҳои борвараш
боқӣ хоҳад монд,
— мегӯяд Худованд, Худои Исроил+.
[7] Дар он рӯз инсон ба Офаринандаи худ
рӯй хоҳад овард,
ва чашмонаш сӯи Қуддуси Исроил дӯхта хоҳад шуд;
[8] Ва ӯ ба қурбонгоҳҳое ки бо дастҳои худ
бино кардааст, рӯй нахоҳад овард,
ва ба он чи ангуштҳои ӯ сохтааст,
яъне ба бутҳои Ашера ва Ҳамон назар нахоҳад кард+.
[9] Дар он рӯз шаҳрҳои истеҳкомдори он

мисли харобаҳое хоҳад шуд, ки дар ҷангалҳо
ва бар қуллаҳои кӯҳ воқеъ аст, ва онҳоро
пеши банӣ-Исроил тарк карда буданд;
ва он ба харобазор табдил хоҳад ёфт+.
10 Зеро ки ту Худои наҷоти худро фаромӯш кардӣ,
ва кӯҳпораи паноҳгоҳи худро ба ёд наовардӣ;
бинобар ин ту ниҳолҳои дилпазир шинондӣ,
ва қаламчаҳои бегонаро кишт кардӣ+.
11 Дар рӯзе ки ниҳол шинондӣ, онҳоро
сабзу хуррам гардондӣ,
ва саҳаргоҳон кишти худро шукуфондӣ,
аммо ҳосилаш дар рӯзи беморӣ
ва дарди бедармон барбод хоҳад рафт.
12 Эй вой аз ғиреви қавмони бисьёр,
ки мисли ғалаёни баҳрҳо талотум мекунанд!
Ва аз хурӯши қабилаҳо,
ки мисли хурӯши обҳои азим мехурӯшанд!+
13 Қабилаҳо мисли хурӯши обҳои азим мехурӯшанд;
вале Ӯ ба онҳо итоб намуд, ва онҳо
ба ҷойҳои дур гурехтанд,
ва мисли коҳрезае аз бод бар кӯҳҳо ронда шуданд,
ва мисли ғуборе аз гирдбод.
14 Шомгоҳ — ва инак даҳшат аст,
вале пеш аз субҳидам он нест мешавад.
Чунин аст насиби тороҷгарони мо,
ва қисмати харобкунандагони мо.

## Вой бар заминҳое ки дар он тарафи наҳрҳои Ҳабаш воқеъ аст.

8

1 Эй вой бар замини пур аз садои болҳои малах,
ки дар он тарафи наҳрҳои Ҳабаш воқеъ аст,
2 Ва элчиёнашро бо роҳи баҳр,
ва дар киштиҳои бардӣ бар рӯи об мефиристад!
Эй қосидони тезрав, биравед назди халқи
қоматбаланд ва ранги пӯсташон мисгун,
назди қавме ки барои муҳити атрофи наздик
ва дур саҳмгин ҳастанд,
яъне халқи пурқувват ва шикастоваре
ки наҳрҳо заминашонро бурида мегузарад.
3 Эй ҳамаи бошандагони дунъё ва сокинони замин!
Чун ливое бар кӯҳҳо барафрошта шавад, бингаред,
ва чун шох садо диҳад, бишнавед+.
4 Зеро ки Худованд ба ман чунин гуфтааст:
«Ман дар маскани Худ оромида, назар хоҳам кард,
мисли гармои тафсон ҳангоми нурафшонии офтоб,
мисли абри шабнамӣ дар гармии мавсими дарав»+.
5 Зеро ки пеш аз ангурканӣ, вақте ки ток
аз гул фуромада,
муғчаҳо ба ғӯра мубаддал мешавад,
Ӯ шохаҳоро бо қайчии токбурӣ хоҳад бурид,
ва навдаҳоро бурида дур хоҳад андохт.
6 Ва ҳамааш барои мурғони соҳибчанголи кӯҳистон
ва барои ҳайвоноти замин вогузошта хоҳад шуд;
ва мурғони соҳибчангол тобистонро бар онҳо
ба сар хоҳанд бурд,
ва тамоми ҳайвоноти замин зимистонро
бар онҳо хоҳанд гузаронид.
7 Дар он замон инъоме барои Худованди лашкарҳо
аз қавми қоматбаланд
ва ранги пӯсташон мисгун,
ва аз қавме ки барои муҳити атрофи наздик
ва дур саҳмгин ҳастанд,
яъне аз халқи пурқувват ва шикастоваре

ки наҳрҳо заминашонро бурида мегузарад,
ба макони исми Худованди лашкарҳо,
ба кӯҳи Сион оварда хоҳад шуд.

## Нубувват дар бораи Миср.

9 [1] Ваҳй дар бораи Миср.
Инак, Худованд бар абри сабукрав савор шуда,
ба Миср меояд.
Ва аз ҳузури Ӯ бутҳои Миср ба ларза хоҳанд афтод,
ва дили Миср андаруни вай заиф хоҳад шуд+.
[2] Ва Ман мисриёнро бар мисриён хоҳам барангехт,
ва онҳо бародар бо бародар, ва ёр бо ёр,
ва шаҳр бо шаҳр, ва мамлакат бо мамлакат
ҷанг хоҳанд кард+.
[3] Ва рӯҳи Миср андаруни вай бемаҷол хоҳад шуд,
ва Ман машварати онро дарҳам-барҳам хоҳам кард,
ва онҳо аз бутҳо ва фолбинон ва ҷодугарон
ва азоимхонон дархост хоҳанд намуд+.
[4] Ва Ман Мисрро ба дасти ҳокими сахтгире
хоҳам супурд,
ва подшоҳи золиме бар онҳо ҳукмронӣ хоҳад кард,
— мегӯяд Худованд, Худованди лашкарҳо+.
[5] Ва обҳои баҳр кам шуда,
наҳр хароб ва хушк хоҳад гардид+.
[6] Ва наҳрҳо гандида,
ҷӯйҳои Миср камоб ва хароб хоҳад шуд;
най ва қамиш хушк хоҳад гардид+.
[7] Чаманҳое ки дар атрофи дарьё,
дар соҳилҳои дарьё воқеъ аст,
ва тамоми киштзори назди дарьё хушкида,
парешон ва нест хоҳад шуд.
[8] Ва моҳигирон нола хоҳанд кард,
ва ҳамаи онҳое ки шаст ба дарьё меандозанд,
мотам хоҳанд гирифт,
ва онҳое ки тӯр бар рӯи об мегустаронанд,
ғамгин хоҳанд шуд.
[9] Ва наддофони катон
ва бофандагони матои сафед хиҷил хоҳанд шуд.
[10] Ва пояҳои он афсурдахотир,

ва ҳамаи муздурон афтодарӯҳ хоҳанд шуд.
11 Ба яқин, мирони Сӯан аблаҳ ҳастанд;
ҳокимони машваратчии фиръавн
машварати ҷоҳилона медиҳанд.
Пас шумо чӣ гуна метавонед ба фиръавн бигӯед:
«Ман писари ҳакимон ҳастам,
писари подшоҳони қадимам?»+
12 Пас ҳакимони ту куҷоянд?
Бигзор онҳо ба ту гӯянд,
ва бигзор донанд, ки Худованди лашкарҳо
барои Миср чӣ қароре кардааст+.
13 Мирони Сӯан аблаҳ шудаанд;
мирони Нуф фиреб хӯрдаанд;
Мисрро аркони сибтҳои вай
гумроҳ кардаанд+.
14 Худованд андаруни он рӯҳи дарҳам-баҳрамӣ
даровардааст,
ва онҳо Мисрро дар тамоми аъмоли он
гумроҳ кардаанд,
мисли он ки маст роҳро гум карда,
дар қаи худ афтода мехобад+.
15 Ва дар Миср коре нахоҳад буд,
ки сар ва дум, нахл ва най тавонад онро
ба ҷо оварад+.
16 Дар он рӯз Миср мисли занон хоҳад буд, ва аз ҳаракати дасти
Худованди лашкарҳо, ки Ӯ бар вай мебардорад, ларзон ва тарсон
хоҳад шуд+.
17 Ва замини Яҳудо барои Миср манбаи даҳшат хоҳад буд: ҳамин
ки зикри онро бишнавад, хоҳад тарсид, аз боиси қароре ки
Худованди лашкарҳо дар ҳаққи вай қабул кардааст.
18 Дар он рӯз панҷ шаҳр дар замини Миср ба забони Канъон сухан
ронда, ба Худованди лашкарҳо қасам хоҳанд хӯрд; яке Ир-Ҳаҳерес
номида хоҳад шуд+.
19 Дар он рӯз қурбонгоҳе барои Худованд дар миёнаҷои замини
Миср, ва сутуне барои Худованд назди сарҳади он хоҳад буд+.

[20] Ва инҳо аломате ва шаҳодате барои Худованди лашкарҳо дар
замини Миср хоҳад буд, зеро ки сӯи Худованд аз дасти ҷафокорони
худ фарьёд хоҳанд зад, ва Ӯ наҷотдиҳанда ва пуштибоне барои онҳо
фиристода, онҳоро халосӣ хоҳад дод.
[21] Ва Худованд ба мисриён маъруф хоҳад шуд, ва мисриён дар он
рӯз Худовандро хоҳанд шинохт, ва бо қурбониҳо ва ҳадияҳо Ӯро
ибодат хоҳанд намуд, ва барои Худованд назр карда, онро ба ҷо
хоҳанд овард+.
[22] Ва Худованд мисриёнро зарба хоҳад зад; зарба зада, шифо хоҳад
дод: чун сӯи Худованд руҷӯъ кунанд, Ӯ онҳоро иҷобат намуда, шифо
хоҳад дод+.
[23] Дар он рӯз шоҳроҳе аз Миср ба Ашшур хоҳад буд, ва ашшуриён
ба Миср, ва мисриён ба Ашшур хоҳанд рафт; ва мисриён бо
ашшуриён Худовандро ибодат хоҳанд кард+.
[24] Дар он рӯз Исроил бо Миср ва бо Ашшур сегона хоҳад шуд; вай
дар миёни замин баракат хоҳад буд,+
[25] Ки онро Худованди лашкарҳо баракат дода, хоҳад гуфт:
«Муборак аст қавми Ман — Миср, ва амали дасти Ман — Ашшур, ва
мероси Ман — Исроил».

## Нубувват дар бораи ғалабаи Ашшур бар Миср.

**20** 1 Дар соле ки Тартон ба Ашдӯд омад, вақте ки Сарҷун, подшоҳи Ашшур ӯро фиристод, ва бо Ашдӯд ҷанг карда, онро забт намуд,+

2 Дар ҳамон вақт Худованд ба воситаи Ишаъё ибни Омӯс сухан ронда, гуфт: «Бирав, ва палосро аз камари худ бикшо, ва кафшро аз пойҳои худ дур кун». Ва ӯ чунин кард: бараҳна ва пойлуч роҳ мерафт+.

3 Ва Худованд гуфт: «Чунон ки бандаи Ман Ишаъё се сол бараҳна ва пойлуч роҳ рафтааст, то аломате ва ишорате дар бораи Миср ва Ҳабаш бошад,+

4 Ончунон подшоҳи Ашшур асирони Миср ва матрудони Ҳабашро — ҷавонон ва пиронро — бараҳна ва пойлуч ва кунлуч хоҳад бурд, то ки расвоӣ барои Миср бошад+.

5 Ва аз Ҳабаш, ки пуштибони онҳост, ва аз Миср, ки ифтихори онҳост, ҳаросон ва хиҷил хоҳанд шуд.

6 Ва дар он рӯз сокинони ин соҳил хоҳанд гуфт: „Инак, чунин аст ҳоли пуштибони мо, ки ба кӯмакаш рӯ оварда будем, то аз подшоҳи Ашшур раҳо шавем! Пас, мо чӣ гуна халосӣ меёбем?“»

## Пешгӯиҳо дар бораи Бобил, Адӯм ва Арабистон.

1 [1] Ваҳй дар бораи биёбони назди баҳр.
Мисли гирдбодҳое ки дар ҷануб мевазад,
вай аз биёбон, аз замини пурдаҳшат меояд+.
[2] Рӯъёи мудҳише ба ман аён шудааст:
хоин хиёнат менамояд, ва тороҷгар тороҷ мекунад.
Эй Элом, баро! Эй Модай, муҳосира намо!
Ба тамоми оҳу нолаи он хотима хоҳам дод+.
[3] Аз ин рӯ камари маро ларза гирифтааст;
дарде, мисли дарди зане ки мезояд,
маро дар бар гирифтааст;
аз он чи мешунавам, печутоб мехӯрам,
ва аз он чи мебинам, ҳаросон шудаам+.
[4] Ошуфтадил шудаам; тарсу бим маро мадҳуш кардааст;
шоми фароғати ман ба тарсу ларз мубаддал шудааст.
[5] Суфраро оростаанд; ҷойпӯшҳоро густурдаанд;
ба хӯрдану нӯшидан машғуланд.
«Эй мирон, бархезед, сипарҳоро равған молед!»
[6] Зеро ки Худованд ба ман чунин гуфтааст:
«Бирав, дидбоне бимон, то он чиро, ки бинад,
хабар диҳад,+
[7] Ва чун фавҷҳои саворонро:
ҷуфт-ҷуфт саворони асп, саворони улоғ,
саворони шутурро бинад,
ба онҳо бо диққати тамом гӯш андозад».
[8] Ва ӯ мисли шер садо баровард:
«Эй оғои ман! Рӯзона ман доимо
бар дидбонгоҳ меистам,
ва тамоми шабҳо дар посбонии худ мебошам+.
[9] Ва инак, савори ароба бо ҷуфт-ҷуфти асп меоянд».
Ва ӯ хитоб намуда, гуфт: «Бобил фурӯ
ғалтидааст, фурӯ ғалтидааст,
ва тамоми санамҳои худоёнашро ба замин
зада шикастаанд»+.
[10] Эй хирмангоҳи ман ва писари хирмани ман!

Он чи аз Худованди лашкарҳо,
Худои Исроил шунидаам, ба шумо гуфтам+.
11 Ваҳй дар бораи Думо.
Маро аз Сеир фарьёд мекунанд:
«Эй посбон! Чӣ посе аз шаб аст?
Эй посбон! Чӣ посе аз шаб аст?»
12 Посбон гуфт: «Субҳ меояд,
вале ҳанӯз шаб аст.
Агар боз пурсидан хоҳед, бипурсед:
бори дигар биёед».
13 Ваҳй дар бораи банӣ-араб.
Эй қофилаҳои дадониён!
Дар сангзори Арабистон манзил кунед.
14 Эй сокинони замини Темо!
Ба пешвози ташнагон об биёред,
гурезагонро бо нонашон истиқбол намоед+.
15 Зеро ки онҳо аз шамшерҳо гурехтаанд:
аз шамшери бараҳна, ва аз камони кашида,
ва аз гаронии ҷанг.
16 Зеро ки Худованд ба ман чунин гуфтааст: «Баъд аз як сол, мисли
солҳои муздур, тамоми ҷалоли Қедор маҳв хоҳад шуд;+
17 Ва бақияи шумораи баҳодурони камондори банӣ-Қедор кам
хоҳад шуд, зеро ки Худованд, Худои Исроил чунин гуфтааст».

## Нубувват дар бораи водии рӯъё.

2 [1] Ваҳй дар бораи водии рӯъё.
Пас туро чӣ шудааст, ки саросар ба бомҳо
баромадаӣ?
[2] Эй шаҳри пурҷӯшу хурӯш, ки пурҳаяҷон ҳастӣ,
эй шаҳри пурсурур!
Мақтулони ту мақтулони шамшер нестанд
ва дар ҷанг талаф нашудаанд+.
[3] Ҳамаи саркардаҳои ту якҷоя гурехтаанд,
вале бе он ки аз камон истифода баранд,
ба асирӣ гирифта шудаанд;
ҳамаи онҳое ки андаруни ту ёфт шудаанд,
ҳарчанд ба ҷойҳои дур гурехта бошанд ҳам,
якҷоя ба асирӣ афтодаанд.
[4] Бинобар ин мегӯям: «Аз ман дур шавед,
ман зор-зор хоҳам гирист;
барои тасаллӣ додани ман дар бораи таҳлукаи
духтари қавми ман саъю кӯшиш накунед»+.
[5] Зеро ки рӯзи ҳаяҷон ва мағлубият ва парешонӣ
аз ҷониби Худованди лашкарҳост дар водии рӯъё:
ҳисорро вайрон мекунанд,
ва фарьёд дар кӯҳҳо танинандоз мешавад.
[6] Ва Элом бо аробаҳои ҷангии
пур аз одам ва бо саворон тирдонро бардоштааст,
ва Қир сипарро бараҳна кардааст+.
[7] Ва инак, водиҳои беҳтарини ту аз аробаҳои
ҷангӣ пур шудааст,
ва саворон дар рӯ ба рӯи дарвоза мавқеъ гирифтаанд.
[8] Ва болопӯши Яҳудо бардошта шудааст,
ва ту дар он рӯз ба аслиҳаи қӯрхонаи ҷангал
назар дӯхтаӣ.
[9] Ва шумо рахнаҳои шаҳри Довудро,
ки бисьёр аст, дидаед,
ва оби ҳавзи поёнро ҷамъ кардаед;+
[10] Ва хонаҳои Ерусалимро дар шумор овардаед,

ва хонаҳоро вайрон кардаед, то ки ҳисорро
мустаҳкам намоед;
11 Ва дар миёни ду ҳисор обанборе барои оби
ҳавзи кӯҳна сохтаед;
валекин ба Ӯ, ки инро ба амал овардааст,
назар надӯхтаед, ва Ӯро, ки аз қадимулайём
инро муқаррар намудааст, надидаед.
12 Ва Худованд, Худованди лашкарҳо,
дар он рӯз шуморо ба гиристан ва навҳа кардан
ва мӯйсар гирифтан ва палос пӯшидан даъват
намудааст+.
13 Вале инак, хурсандӣ ва димоғчоқӣ!
Гов мекушанд ва гӯсфанд забҳ мекунанд,
гӯшт мехӯранд ва шароб менӯшанд:
«Бихӯрем ва бинӯшем, зеро ки фардо хоҳем мурд!»+
14 Ва Худованди лашкарҳо дар гӯши ман
ошкор кардааст:
«Ба яқин, ин гуноҳи шумо омурзида нахоҳад шуд
то даме ки бимиред!» — гуфтааст Худованд,
Худованди лашкарҳо.
15 Худованд, Худованди лашкарҳо, чунин гуфтааст:
«Бирав ва назди ин гумошта,
яъне Шебно, ки нозири боргоҳ аст, дохил шав,
ва бигӯй:+
16 „Дар ин ҷо туро чӣ кор аст,
ва дар ин ҷо ту кистӣ,
ки барои худ дар ин ҷо мақбарае месозӣ?“»
Вай дар ҷои баланд барои худ мақбара месозад,
дар сахра барои худ маскан метарошад+.
17 «„Инак, эй шахси ҷоҳталаб, Худованд туро
дур хоҳад андохт,
ва туро печутоб хоҳад дод,
18 Ва туро сахт фушурда,
мисли тӯбе бар замини фарох хоҳад ғелонид,
ва ту дар он ҷо хоҳӣ мурд,
ва дар он ҷо аробаҳои боҳашамати ту

боиси нанги хонадони оғоят хоҳад шуд.
19 Ва Ман туро аз маконат бадар хоҳам ронд,
ва аз мартабаи худ фурӯ хоҳӣ ғалтид.
20 Ва дар он рӯз воқеъ хоҳад шуд, ки Ман бандаи
Худ — Элъёқим ибни Ҳилқиёро даъват хоҳам намуд,+
21 Ва ӯро бо либоси ту пӯшонида,
бо камарбанди ту маҳкам хоҳам кард,
ва ҳокимияти туро ба дасташ хоҳам супурд,
ва ӯ барои сокини Ерусалим ва хонадони
Яҳудо падар хоҳад буд.
22 Ва калиди хонадони Довудро бар дӯши ӯ хоҳам гузошт,
ва ӯ чун кушояд, ҳеҷ кас нахоҳад баст,
ва чун бандад, ҳеҷ кас нахоҳад кушод+.
23 Ва ӯро мисли мехе дар ҷои сахт устувор хоҳам кард,
ва ӯ барои хонадони падари худ курсии ҷалол
хоҳад буд“».
24 Ва тамоми ҷалоли хонадони падарашро, аз фарзандонаш то
ақрабояш, ва тамоми олоти хурдро, аз косаю кӯзаҳои гаронбаҳо то
ҳамаи сафолпораҳо, бар ӯ хоҳанд овехт.
25 «Дар он рӯз, — мегӯяд Худованди лашкарҳо, — он мехе ки дар
ҷои сахт устувор гардида буд, лиққонак хоҳад шуд, ва шикаста, фурӯ
хоҳад ғалтид, ва боре ки бар он овезон аст, талаф хоҳад шуд; зеро ки
Худованд гуфтааст».

## Нубувват дар бораи Сӯр.

3 [1] Ваҳй дар бораи Сӯр.
Эй киштиҳои Таршиш, вовайло кунед,
зеро ки он хароб шудааст: на хонае боқӣ мондааст,
на ҷое ки кас тавонад вориди он гардад;
аз замини Киттим ба онҳо хабар расидааст+.
[2] Эй сокинони соҳил, ки онро тоҷирони Сидӯн,
дарьёнавардон пур мекарданд,
хомӯш нишинед!+
[3] Ва ғаллаи Шиҳӯр,
дарави атрофи наҳр бо обҳои бисьёр
ба он дохил мешуд,
ва он бозоргоҳи халқҳо гардида буд+.
[4] Эй Сидӯн, таассуф намо,
зеро ки баҳр, яъне қалъаи баҳр, ба забон омада,
мегӯяд:
«Гӯё ки ман дарди зоиш накашидаам, ва назоидаам,
ва ҷавононро парвариш накардаам,
ва духтаронро ба воя нарасонидаам!»
[5] Вақте ки овозаи ин ба мисриён бирасад,
аз шунидани аҳволи Сӯр ба ҳарос хоҳанд афтод.
[6] Эй сокинони соҳил,
ба Таршиш кӯчида равед, вовайло кунед.
[7] Оё ҳамин аст он шаҳри пурсурури шумо,
ки ибтидояш аз қадимулайём буд,
ва пойҳояш онро ба кишварҳои дур мебурд,
то ки дар он ҷо иқомат намояд?
[8] Кист, ки инро дар ҳаққи Сӯри тоҷбахш,
ки савдогаронаш мисли мирон,
ва тоҷиронаш акобири рӯи замин буданд,
қарор додааст?
[9] Худованди лашкарҳо инро қарор додааст,
то ки кибриёи ҳар ҳашаматро поймол кунад
ва ҳамаи мӯҳтарамони заминро ба залолат андозад.
[10] Эй духтари Таршиш, бар замини худ

мисли наҳр убур намо:
дигар бандубасте нест.
11 Ӯ дасти Худро бар баҳр дароз карда,
мамлакатҳоро ба ларза овардааст;
Худованд дар ҳаққи Канъон амр фармудааст,
ки қалъаҳояшро хароб кунанд,+
12 Ва гуфтааст: «Ту, эй бокираи ситамдида,
духтари Сидӯн, дигар димоғчоқӣ нахоҳӣ кард!
Бархоста, ба Киттим бирав, лекин дар он ҷо низ
барои ту оромӣ нахоҳад буд».
13 Инак замини калдониён, ки ин қавм ҳоло вуҷуд надоранд.
Ашшур онро барои биёбоннишинон буньёд кард. Бурҷҳои дидбонии
худро барпо намуданд, қасрҳояшро вайрон карданд, онро ба
харобазор табдил доданд+.
14 Эй киштиҳои Таршиш, вовайло кунед,
зеро ки қалъаи шумо хароб шудааст.
15 Ва дар он рӯз воқеъ хоҳад шуд, ки Сӯр ҳафтод сол, ба андозаи
рӯзҳои як подшоҳ фаромӯш хоҳад шуд. Баъд аз итмоми ҳафтод сол ба
Сӯр ҳамон чиз рӯй хоҳад дод, ки дар суруди фоҳиша тасвир ёфтааст:+
16 «Эй фоҳишаи фаромӯшшуда, барбатро бигир,
дар шаҳр гардиш намо! Нағз бинавоз, бисьёр бисарой,
то ки туро ба ёд оваранд!»
17 Ва воқеъ хоҳад шуд, ки баъд аз итмоми ҳафтод сол Худованд
Сӯрро тафаққуд хоҳад намуд, ва он аз нав ба гирифтани музди зинои
худ хоҳад баргашт, ва бо ҳамаи мамлакатҳои дуньё, ки бар рӯи замин
мебошанд, зино хоҳад кард+.
18 Вале тиҷорати он ва музди зинои он барои Худованд бахшида
хоҳад шуд: захира карда ва дар махзан гузошта нахоҳад шуд, балки
тиҷораташ барои онҳое ки ба ҳузури Худованд зиндагӣ мекунанд,
хоҳад буд, то ки ба серӣ бихӯранд ва либоси нағз бипӯшанд.

## Доварии Худо бар замин. Зуҳури ояндаи ҷалоли Худо.

24 [1] Инак, Худованд заминро холӣ ва хароб мекунад, ва сатҳи
онро дигаргун месозад, ва сокинони онро пароканда
менамояд+.
[2] Ва чунон ки қавм бошанд, ончунон коҳин хоҳад буд, чунон ки
ғулом — ончунон оғояш, чунон ки каниз — ончунон хотунаш, чунон
ки харидор — ончунон фурӯшанда, чунон ки қарзхоҳ — ончунон
қарздор, чунон ки даъвогар — ончунон ҷавобгар+.
[3] Замин тамоман беодам ва толону тороҷ хоҳад шуд, зеро ки
Худованд ин суханро гуфтааст.
[4] Замин мотам гирифтааст, сархам шудааст; дуньё афсурдахотир
ва сархам шудааст; олимақомони қавми замин афсурдахотир
шудаанд+.
[5] Ва замин зери сокинонаш палид шудааст, зеро ки онҳо
дастурҳоро поймол кардаанд, аз фароиз берун баромадаанд, аҳди
ҷовидониро шикастаанд+.
[6] Бинобар ин лаънат заминро хӯрдааст, ва сокинони он ба ҷазо
дучор шудаанд; бинобар ин сокинони замин сӯхтаанд, ва аз одамон
андаке боқӣ мондаанд+.
[7] Шираи ангур мотам гирифтааст;
ток афсурдахотир шудааст;
ҳамаи шоддилон оҳ мекашанд+.
[8] Шодмонии дафҳо барҳам хӯрдааст;
ғавғои айёшон хотима ёфтааст;
шодмонии барбатҳо барҳам хӯрдааст+.
[9] Дигар бо суруд шароб наменӯшанд;
арақ барои нӯшандагонаш талх шудааст.
[10] Шаҳри хароба ба шикаст гирифтор шудааст;
ҳар хона баста аст, ва касе наметавонад дарояд.
[11] Дар кӯчаҳо аз барои шароб фиғон мекашанд;
ҳар гуна сурур тира гардидааст;
шодмонии замин талаф шудааст+.
[12] Дар шаҳр харобӣ ҳукмфармост,
ва дарвозаи он шикаста пора-пора шудааст.
[13] Ва дар миёни замин, дар байни қавмон ончунон хоҳад шуд,

чунон ки дар вақти зада афшондани дарахти зайтун
ва баъд аз анҷоми ангурчинӣ якчанд шингиле боқӣ мемонад+.
14 Онҳо овози худро баланд карда, тараннум хоҳанд намуд:
дар бораи кибриёи Худованд аз ҷониби баҳр бо шодӣ садо хоҳанд
барovard.
15 Бинобар ин Худовандро дар шарқ,
ва исми Худованд Худои Исроилро
дар ҷазираҳои ғарб ҷалол диҳед.

## Мусибати бузург.

16 Аз ақсои замин мо сурудҳоро шунидаем:
«Одилро ҷалол бод!»
Ва ман гуфтам: «Дареғо бар ман!
Дареғо бар ман! Вой бар ман!
Хоинон хиёнат кардаанд,
ва хоинон хиёнат бар хиёнат зам кардаанд»+.
17 Эй сокини замин,
тарс ва чоҳ ва дом бар туст!+
18 Ва воқеъ хоҳад шуд, ки ҳар кӣ аз овози тарс
бигрезад, ба чоҳ хоҳад афтод;
ва ҳар кӣ аз даруни чоҳ барояд, ба дом хоҳад афтод;
зеро ки равзанҳо аз афроз кушода хоҳад шуд,
ва асосҳои замин ба ларза хоҳад омад+.
19 Замин пора-пора шудааст,
замин аз ҳам ҷудо шудааст,
замин вожгун гардидааст.
20 Замин мисли маст мекалавад,
ва мисли арғунчак алвонҷ мехӯрад;
ва ҷинояташ бар он гаронӣ мекунад;
ва фурӯ хоҳад ғалтид,
ва дигар нахоҳад бархост+.
21 Ва дар он рӯз воқеъ хоҳад шуд,
ки Худованд лашкари афрозро бар афроз,
ва подшоҳони заминро бар замин тафаққуд
намуда, ҷазо хоҳад дод.
22 Ва мисли издиҳоми бандиён дар чоҳе

ҷамъ оварда хоҳанд шуд,
ва дар зиндон баста хоҳанд шуд,
ва баъд аз рӯзҳои бисьёр тафаққуд карда хоҳанд шуд.
23 Ва моҳ хиҷил, ва офтоб шармсор хоҳад шуд,
зеро ки Худованди лашкарҳо бар кӯҳи Сион
ва дар Ерусалим салтанат хоҳад ронд,
ва ба хузури пирони Худ ҷалол хоҳад ёфт+.

## Тантанаи Малакуми Худованд ва Худо.

5 [1] Худовандо! Ту Худои ман ҳастӣ.
Туро такбир менамоям, исми Туро ҳамд мегӯям,
чунки корҳои аҷиб кардаӣ;
муқаддароти қадими Ту ҳақ асту рост+.
[2] Зеро ки Ту шаҳрро ба сангтӯдае,
пойтахти истеҳкомдорро ба харобазор табдил додаӣ;
қасри бегонаҳоро аз шаҳр маҳв намудаӣ,
ки он ҳаргиз бино нахоҳад ёфт+.
[3] Бинобар ин қавмони зӯровар Туро ҷалол хоҳанд дод;
шаҳрҳои халқҳои мустабид аз Ту хоҳанд тарсид.
[4] Зеро ки Ту қалъае барои бенаво,
қалъае барои мискин дар вақти тангии вай,
паноҳгоҳе аз борони сел, сояе аз гармо будӣ;
зеро ки нафаси қаҳролуди мустабидон
мисли селоби деворшикан аст+.
[5] Ҳаёҳуи бегонаҳоро мисли гармо дар саҳрои
хушк Ту фурӯ хоҳӣ нишонид;
тараннуми мустабидон мисли гармо аз сояи
абр паст хоҳад шуд.
[6] Ва Худованди лашкарҳо бар ин кӯҳ барои
ҳамаи қавмон базме аз таомҳои равғанин,
базме аз шаробҳои кӯҳна — аз таомҳои
равғанини болаззат
ва аз шаробҳои кӯҳнаи мусаффо — хоҳад орост;+
[7] Ва бар ин кӯҳ рӯпӯшеро, ки бар ҳамаи қавмон
пӯшонида шудааст,
ва пардаеро, ки бар ҳамаи халқҳо густурда
шудааст, барҳам хоҳад дод;
[8] Маргро ба сурати абадӣ маҳв хоҳад намуд,
ва Худованд Худо ашкҳоро аз ҳамаи чеҳраҳо
пок хоҳад кард,
ва нанги қавми Худро аз рӯи тамоми замин
дур хоҳад сохт;
зеро ки Худованд гуфтааст+.

9 Ва дар он рӯз хоҳанд гуфт:
«Инак, Худои мо, ки ба Ӯ умед бастаем,
ва Ӯ моро наҷот хоҳад дод!
Ин аст Худованде ки ба Ӯ умед бастаем,
пас дар наҷоти Ӯ шодӣ ва хурсандӣ хоҳем кард!»+
10 Зеро ки дасти Худованд бар ин кӯҳ қарор хоҳад ёфт,
ва Мӯоб дар ҷои худ поймол хоҳад шуд,
чунон ки коҳ дар ахлот поймол мешавад;+
11 Ва ҳарчанд вай дастҳои худро андаруни он
ҳаракат диҳад,
чунон ки шиновар барои шино кардан
ҳаракат медиҳад, —
вале Ӯ такаббури варо бо якҷоягии ҳилаҳои
дастҳои вай паст хоҳад кард.
12 Ва Ӯ ҳисорҳои баланди истеҳкомдори
туро вожгун намуда,
фурӯ хоҳад ғалтонид, бар замин афканда,
ба хок яксон хоҳад кард.

## Исроил, ки аз нав барпо гардида, ба Худо руҷӯъ намудааст, Худовандро ҷалол медиҳад.

**26** 1 Дар он рӯз ин суруд дар замини Яҳудо
сароида хоҳад шуд:
«Мо шаҳри мустаҳкаме дорем;
Ӯ наҷотро чун ҳисор ва садд ба вуҷуд овардааст.
2 Дарвозаҳоро бикшоед, то халқи одиле ки имонашонро
нигоҳ медоранд, ворид шаванд+.
3 Дили боматонатро Ту дар осоиштагии комил
нигоҳ медорӣ,
зеро ки вай ба Ту таваккал мекунад.
4 Ба Худованд то абад таваккал кунед,
зеро ки Худованд Худо сахраи ҷовидонист+.
5 Зеро ки Ӯ болонишинонро вожгун намудааст,
шаҳри олишонро фурӯ ғалтонидааст,
онро то ба замин фурӯ ғалтонида, ба хок яксон кардааст.
6 Онро пойҳо поймол мекунад, —
пойҳои мискинон, қадамҳои бенавоён».
7 Роҳи одил рост аст;
Ту, эй Росткор, тариқи одилро ҳамвор мекунӣ+.
8 Ва дар роҳи довариҳои Ту, эй Худованд,
мо ба Ту умед бастаем,
ва ҷони мо иштиёқманди исми Ту ва зикри Ту мебошад.
9 Шабонгаҳ ман бо ҷони худ муштоқи Ту ҳастам,
ва саҳаргоҳон ман бо рӯҳи худ дар андарунам
Туро металабам;
зеро вақте ки довариҳои Ту бар замин ба амал ояд,
сокинони дуньё инсофро таълим хоҳанд гирифт+.
10 Агар шарир омурзида шавад,
адлу инсофро таълим нахоҳад гирифт, —
дар замини росткорон ноинсофӣ хоҳад кард,
ва кибриёи Худовандро нахоҳад дид.
11 Худовандо! Дасти Ту баланд бардошта шудааст, аммо онҳо
намебинанд;
чун рашки Туро барои қавмат бинанд,

хиҷил хоҳанд шуд;
оташи хашмат адуёни Туро фурӯ хоҳад бурд+.
12 Худовандо! Осоиштагиро барои мо барқарор намо;
зеро ки ҳамаи корҳои моро низ Ту барои мо
ба амал овардаӣ+.
13 Худовандо, Худои мо! Ҳокимон ба ғайр аз Ту
бар мо салтанат меронданд,
аммо танҳо ба Ту умед баста, исми Туро зикр менамудем+.
14 Мурдагон зинда нахоҳанд шуд;
арвоҳи мурдагон нахоҳанд бархост;
зеро ки Ту онҳоро тафаққуд намуда, нобуд сохтаӣ,
ва тамоми зикрашонро маҳв кардаӣ+.
15 Халқро афзун намудаӣ, эй Худованд,
халқро афзун намуда, Худро ҷалол додаӣ,
тамоми ҳудуди заминашонро васеъ кардаӣ+.
16 Худовандо! Дар вақти тангии худ онҳо Туро
талабидаанд;
чун аз Ту ҷазо мееёфтанд,
бо зорию илтиҷо дуо мегуфтанд.
17 Чунон ки зани ҳомиладор
ҳангоми наздик омадани зоиданаш
аз дардҳои сахти худ печутоб хӯрда,
фарьёд мезанад, ончунон мо низ,
эй Худованд, ба ҳузури Ту будем+.
18 Ҳомила шуда, печутоб мехӯрдем,
вале гӯё ки бодро мезоидем:
ҳеҷ наҷоте барои замин ба амал наомад,
ва сокинони дуньё фурӯ нағалтиданд.
19 Бигзор мурдагони Ту зинда шаванд,
майитҳои ман бархезанд!
Эй сокинони хок, бедор шавед ва тараннум намоед!
Зеро ки шабнами Ту шабнами наботот аст,
ва замин мурдагонро берун хоҳад афканд+.
20 Эй қавми ман, биёед, ба ҳуҷраҳои худ дароед,
ва дарҳои худро аз қафои худ бибандед,
як лаҳзае пинҳон шавед,

то даме ки ғазаб бигзарад+.
21 Зеро инак, Худованд аз макони Худ берун меояд,
то ки сокинони заминро барои гуноҳашон сазо диҳад;
ва замин хунҳои фурӯбурдаи худро ошкор хоҳад кард,
ва мақтулони худро дигар пинҳон нахоҳад дошт+.

## Ба залолат афтодани давлатҳои бузург.

## Аз нав барқарор шудани Исроил.

7 [1] Дар он рӯз Худованд бо шамшери сахт ва бузург
ва пурзӯри Худ он аждар-мори тозонро
ва он аждар-мори печонро сазо хоҳад дод,
ва он тимсоҳро, ки дар баҳр аст, хоҳад кушт+.
[2] Дар он рӯз барои токзори шароби ноб бисароед+.
[3] Ман, ки Худованд ҳастам,
онро нигоҳ медорам, ҳар лаҳза онро об медиҳам;
шабу рӯз онро посбонӣ мекунам,
то ки касе ба он осебе нарасонад.
[4] Ғазабе дар Ман нест.
Аммо агар касе ба Ман явшон ва хори шутурро
муқобил мегузошт,
Ман бар зидди вай ба ҷанг иқдом намуда,
варо якҷоя месӯзондам;+
[5] Магар ки вай ба қуввати Ман рӯи паноҳ оварда,
бо Ман сулҳ мекард:
пас бигзор бо Ман сулҳ кунад.
[6] Дар рӯзҳои оянда Яъқуб реша хоҳад давонд,
Исроил муғча ва шукуфа хоҳад кард;
ва рӯи дуньё аз мева пур хоҳад шуд+.
[7] Оё ӯ варо ончунон задааст,
чунон ки занандагони варо задааст?
Оё варо ончунон куштааст,
чунон ки кушандагони вай кушта шудаанд?
[8] Варо Ту баандоза сазо додаӣ, вақте ки бадар рондаӣ.
Варо бо вазиши сахти Худ дур андохтаӣ,
мисли он ки дар рӯзи боди шарқӣ бошад+.
[9] Пас, гуноҳи Яъқуб ба ин восита кафорат хоҳад шуд,
ва тамоми самари дафъи хатои вай ҳамин хоҳад буд,
ки вай ҳамаи сангҳои қурбонгоҳҳоро
мисли сангҳои оҳаки шукуфта хоҳад гардонид,
то ки бутҳои Ашера ва Ҳамон дигар барпо нашавад+.

10 Зеро ки он шаҳри истеҳкомдор валангор гардида,
монанди чарогоҳе хоҳад шуд, ки онро
тарк карда баромада рафта бошанд;
дар он ҷо гӯсола хоҳад чарид,
ва дар он ҷо вай хобида, навдаҳои онро талаф
хоҳад кард+.
11 Вақте ки шохаҳои он хушк шавад, шикаста
хоҳад шуд;
занон омада, онҳоро хоҳанд сӯзонид.
Азбаски онҳо қавми бофаҳм нестанд,
Офаринандаашон ба онҳо раҳм нахоҳад кард,
ва Холиқашон онҳоро афв нахоҳад намуд+.
12 Ва дар он рӯз воқеъ хоҳад шуд, ки Худованд аз соҳили наҳр то
водии Миср хӯшаҳоро хоҳад кӯфт, ва шумо, эй банӣ-Исроил, якто-
якто ҷамъ карда хоҳед шуд.
13 Ва дар он рӯз воқеъ хоҳад шуд, ки шохи бузурге хоҳад навохт, ва
гумшудагони замини Ашшур ва рондашудагони замини Миср хоҳанд
омад, ва бар кӯҳи муқаддас, ки дар Ерусалим воқеъ аст, ба Худованд
саҷда хоҳанд кард+.

## Вой бар Эфроим. Пешгӯӣ дар бораи асирии он.

8 [1] Эй вой бар афсари ғурури сармастони Эфроим
ва бар гули пажмурдаи зинати шукӯҳи он,
ки бар сари водии ҳосилхези
майзадагон аст!
[2] Инак, зӯровар ва ҷасури Худованд
мисли сели жола ва тундбоди ҳалокатовар,
мисли сели обҳои азими саршор
онро бо тамоми қувват ба замин хоҳад афканд+.
[3] Афсари ғурури сармастони Эфроим
ба зери пойҳо поймол хоҳад шуд.
[4] Ва гули пажмурдаи зинати шукӯҳи он,
ки бар сари водии ҳосилхез аст,
мисли анҷири пешпазаке хоҳад буд,
ки чун бинандае онро бинад,
зуд ба дасташ гирифта, онро фурӯ мебарад.
[5] Дар он рӯз Худованди лашкарҳо афсари зинат
ва тоҷи шавкат барои бақияи қавми Худ хоҳад буд,
[6] Ва рӯҳи адлу инсоф барои онҳое ки бар курсии
довар ӣ менишинанд,
ва қудрат барои онҳое ки ҷангро сӯи дарвоза
бармегардонанд+.
[7] Ва инҳо низ аз шароб гумроҳ гардидаанд
ва аз арақ дар иштибоҳ афтодаанд;
коҳин ва набӣ аз арақ гумроҳ гардидаанд,
аз шароб саргаранг шудаанд,
аз арақ дар иштибоҳ афтодаанд,
дар рӯъё хато кардаанд,
дар доварӣ пешпо хӯрдаанд+.
[8] Зеро ки ҳамаи суфраҳо аз қай ва наҷосат
пур шудааст, ҷои тозае намондааст.
[9] «Вай донишро ба кӣ меомӯзад?
Ва пайғомро ба кӣ мефаҳмонад?
Оё ба онҳое ки аз шир бароварда
ва аз пистон ҷудо карда шудаанд?

10 Зеро ки фармон бар фармон, фармон бар фармон,
дастур бар дастур, дастур бар дастур,
андаке ин ҷо, андаке он ҷо мебошад»+.
11 Ба яқин, Ӯ бо лабҳои бегона
ва бо забони дигар ба ин қавм хоҳад гуфт+
12 Он чиро, ки пештар гуфта буд:
«Фароғат ҳамин аст; хастаро ба ҳоли худ вогузоред;
оромӣ ҳамин аст».
Валекин онҳо нахостанд гӯш кунанд.
13 Пас, каломи Худованд барои онҳо
фармон бар фармон, фармон бар фармон,
дастур бар дастур, дастур бар дастур,
андаке ин ҷо, андаке он ҷо хоҳад буд,
то ки пуштнокӣ рафта, фурӯ ғалтанд, ва шикаст
хӯранд, ва ба дом афтанд, ва мубтало шаванд+.

## Қисмати Эфроим — таҳдид барои Яҳудо.

14 Бинобар ин, эй мардуми масхарабоз
ва эй ҳокимони ин қавме ки дар Ерусалиманд,
каломи Худовандро бишнавед+.
15 Азбаски гуфтаед: «Мо бо марг иттифоқ бастаем,
ва бо дӯзах сулҳ кардаем,
ва агар тозиёнаи ҳалокатовар бигзарад,
ба мо нахоҳад расид,
зеро ки кизбро паноҳгоҳи худ сохтаем
ва андаруни дурӯғ ниҳон гаштаем»,
16 Бинобар ин Худованд Худо чунин мегӯяд:
«Инак, Ман дар Сион санге барои буньёд
гузоштам, ки санги озмуда,
санги зовия ва гаронбаҳост,
ва асоси мустаҳкаме дорад;
ҳар кӣ имон оварад, таъҷил нахоҳад намуд+.
17 Ва Ман инсофро меъёр гардонидаам,
ва адолатро — шоқул;
ва жола паноҳгоҳи кизбро хоҳад рӯфт,
ва об ниҳонхонаро хоҳад бурд»+.

[18] Ва иттифоқи шумо бо марг ботил хоҳад шуд,
ва сулҳи шумо бо дӯзах поянда нахоҳад монд.
Вақте ки тозиёнаи ҳалокатовар бигзарад,
шумо ба зери он поймол хоҳед шуд.
[19] Ҳар бор, ки он бигзарад, шуморо дастгир
хоҳад кард,
зеро ки ҳар субҳ, ҳар рӯз ва шаб хоҳад гузашт,
ва фақат фаҳмонидани пайғом боиси даҳшат
хоҳад шуд.
[20] Зеро бистар кӯтоҳтар аст аз он ки касе бар он
дароз кашад,
ва кампал тангтар аст аз он ки касе худро
бо он пӯшонад.
[21] Зеро Худованд ҳамон тавре ки бар кӯҳи
Просим воқеъ шуда буд,
қиём хоҳад кард, ҳамон тавре ки дар водии
Ҷибъӯн воқеъ шуда буд,
ба ғазаб хоҳад омад, то ки амали Худро,
амали аҷиби Худро ба ҷо оварад,
ва кори Худро, кори ғарибн Худро анҷом диҳад+.
[22] Ва акнун масхарабозӣ накунед,
ки мабодо бандҳои шумо маҳкамтар шавад;
зеро шунидам, ки аз ҷониби Худованд,
Худои лашкарҳо,
таҳлука ва ҳукми қатъӣ барои тамоми замин
муқаррар гардидааст+.
[23] Гӯш диҳед ва овози маро бишнавед,
диққат намоед ва суханони маро бишнавед!
[24] Оё зироаткор тамоми рӯз барои кишт ронда,
замини худро огард ва мола мекунад?
[25] Вай, охир, баъд аз ҳамвор кардани сатҳи он,
кунҷитро мекорад, ва зираро мепошад,
ва гандумро дар қаторҳо, ва ҷавро дар ҷои муайян,
ва ҷувориро дар канори саҳро кишт мекунад.
[26] Ва ин тартиброро Худояш ба ӯ омӯхта,
ӯро ҳидоят менамояд.

27 Зеро кунҷитро бо ғаллакӯбаки дандонадор намекӯбанд,
ва чархи аробаи ғаллакӯбро бар зира намегардонанд,
балки кунҷитро бо асо, ва зираро бо чӯбдаст мекӯбанд.
28 Оё ғалларо кӯфта, гард-гард мекунанд?
Не, чунки онро пай дар пай намекӯбанд,
балки чархи аробаи ғаллакӯбро бо аспҳояш
бар он мегардонанд,
аммо онро гард-гард намекунанд.
29 Ин низ аз ҷониби Худованди лашкарҳо
ба амал меояд,
ки қарордоди Ӯ аҷоиб аст, ва ҳикмати Ӯ бузург аст+.

## Огоҳӣ ба Яҳудо ва Ерусалим.

9 [1] Эй вой бар Ариил, Ариил*, шаҳре ки Довуд
дар он сукунат дошт!
Солро бар сол зам кунед; бигзор идҳо давр занад+.
[2] Вале Ман Ариилро ба танг хоҳам овард,
ва нолаю фиғон хоҳад буд;
ва он барои Ман мисли Ариил хоҳад монд.
[3] Ва Ман дар гирди ту ӯрду хоҳам зад,
ва туро бо дидгоҳҳо муҳосира хоҳам намуд,
ва бар ту манҷаниқҳо барпо хоҳам кард+.
[4] Ва ба залолат афтода,
аз замин сухан хоҳӣ ронд,
ва суханат аз даруни хок мутеона хоҳад буд,
ва овозат аз замин
мисли овози арвоҳ ба гӯш хоҳад расид,
ва суханат аз даруни хок пичиррос хоҳад зад.
[5] Валекин анбӯҳи душманонат мисли ғубори маҳин
хоҳанд шуд,
ва анбӯҳи ситамгарон мисли коҳрезае ки
пароканда мешавад;
ва ин баногоҳ, дар як он воқеъ хоҳад шуд.
[6] Худованди лашкарҳо туро бо раъд,
ва заминҷунбӣ, ва садои азим,
ва тӯфон, ва тундбод, ва алангаи оташи сӯзон
тафаққуд хоҳад кард+.
[7] Ва анбӯҳи ҳамаи халқҳое ки бар Ариил
лашкар мекашанд,
ва ҳамаи лашкарҳое ки бо он меҷанганд,
ва бар зидди он қалъаҳои муҳосира барпо мекунанд,
ва онро ба танг меоваранд, мисли хоб
ва рӯъёи шаб хоҳанд буд+.
[8] Ва чунон ки гурусна хоб мебинад,
ки инак нон мехӯрад,
вале ҳамин ки бедор шавад, ҷонаш гурусна аст;
ва чунон ки ташна хоб мебинад,

ки инак об менӯшад,
вале ҳамин ки бедор шавад, инак бемаҷол аст,
ва ҷонаш ташна аст, —
анбӯҳи ҳамаи халқҳое ки бар кӯҳи Сион
лашкар мекашанд,
ончунон хоҳанд шуд.
9 Дер мемонед, ва мутаҳайир хоҳед шуд!
Худро кӯр месозед, ва кӯр хоҳед буд!
Онҳо маст шудаанд, вале на аз шароб;
мекалаванд, вале на аз арақ+.
10 Зеро ки Худованд бар шумо рӯҳи хоби
гаронро равона карда,
чашмони шуморо бастааст,
яъне набиёну сардорони ғайбгӯи шуморо
нобино гардонидааст+.
11 Ва ҳар рӯъё барои шумо мисли суханони номаи сарбамӯҳр аст,
ки онро ба касе ки хонданро медонад, дода мегӯянд: «Инро бихон»,
вале ӯ мегӯяд: «Наметавонам, чунки он сарбамӯҳр аст»+.
12 Ва он номаро ба касе ки хонданро намедонад, дода мегӯянд:
«Инро бихон», ва ӯ мегӯяд: «Хонданро намедонам».
13 Ва Худованд гуфт:
«Азбаски ин қавм бо даҳони худ ба Ман
наздик мешаванд
ва бо лабҳои худ Маро ҷалол медиҳанд,
вале дили худро аз Ман дур кардаанд,
ва тарси онҳо аз Ман натиҷаи омӯхтани
аҳкоми инсонист, —+
14 Бинобар ин Ман боз ин қавмро бо рафтори
аҷибу ғарибе дар ҳайрат хоҳам андохт,
ва ҳикмати ҳакимони онҳо ба ҳалокат хоҳад расид,
ва ақли оқилони онҳо нопадид хоҳад шуд»+.
15 Эй вой бар онҳое ки қарори худро аз Худованд
бағоят амиқ пинҳон медоранд,
ва аъмолашон дар торикист,
ва онҳо мегӯянд: «Кист, ки моро бубинад?
Ва кист, ки моро бидонад?»+

16 Эй вой аз каҷрафториҳои шумо!
Оё кӯзагарро мисли гил ҳисоб кардан мумкин аст?
Оё шоиста аст, ки маснӯъ дар бораи сонеи худ
бигӯяд: «Ӯ маро насохтааст», —
ва асар дар бораи эҷодкори худ бигӯяд:
«Ӯ фаҳме надорад»+?
17 Охир, баъд аз андак вақт
Лубнон ба боғистон мубаддал хоҳад шуд,
ва боғистон ҷангал ҳисоб хоҳад ёфт.
18 Ва дар он рӯз карон суханони китобро хоҳанд шунид,
ва чашмони кӯрон аз даруни торикӣ
ва зулмот хоҳад дид+.
19 Ва ҳалимон шодмонии худро дар Худованд
афзун хоҳанд кард,
ва мардуми мискин дар Қуддуси Исроил
ба ваҷд хоҳанд омад+.
20 Зеро ки ситамгар дигар нахоҳад буд,
ва масхарабоз нобуд хоҳад шуд,
ва ҳамаи шавқмандони шарорат маҳв хоҳанд шуд,
21 Ки онҳо одамро бо сухане гумроҳ месозанд,
ва барои касе ки назди дарвоза* додхоҳӣ
менамояд, дом мегузоранд,
ва одилро бо суханони беасос гирифтори
ноинсофӣ мекунанд+.
22 Бинобар ин Худованд, ки Иброҳимро
раҳонидааст,
дар бораи хонадони Яъқуб чунин мегӯяд:
«Акнун Яъқуб хиҷил нахоҳад шуд, ва акнун
ранги рӯяш нахоҳад канд;+
23 Зеро, вақте ки онҳо фарзандони худро,
яъне амали дастҳои Маро
андаруни худ бубинанд,
онҳо исми Маро тақдис хоҳанд кард,
ва қудсияти Қуддуси Яъқубро хоҳанд шинохт,
ва Худои Исроилро такбир хоҳанд гуфт;

24 Ва онҳое ки рӯҳашон гумроҳ аст,
аз хирад воқиф хоҳанд шуд,
ва норизоён дарси ибрат хоҳанд омӯхт».

## Огоҳӣ дар бораи он ки бо Миср иттифоқ набанданд.

**30** 1 «Эй вой бар писарони исьёнкор,
— мегӯяд Худованд, —
ки машварат қабул мекунанд, вале на аз ҷониби Ман,
ва тадбирҳо меандешанд, вале на бар тибқи рӯҳи Ман,
то ки гуноҳро бар гуноҳ зам кунанд!
2 Онҳо изни даҳони Маро напурсида,
ба Миср фурӯд меоянд,
то ки дар тахти ҳимояти фиръавн бошанд,
ва дар сояи Миср паноҳ баранд+.
3 Валекин ҳимояти фиръавн барои шумо хиҷолат,
ва паноҳ бурдан дар сояи Миср шармандагӣ хоҳад буд;+
4 Зеро ки мирони ӯ дар Сӯан мебошанд,
ва злчиёни ӯ ба Ҳонис расидаанд;+
5 Ҳамаашон аз боиси қавме ки барои онҳо фоида
надоранд, хиҷил хоҳанд шуд:
на ёварӣ ва на фоида, балки хиҷолат ва
шармандагӣ хоҳад буд»+.
6 Ваҳй дар бораи баҳимути ҷанубӣ.
Онҳо аз замини тангӣ ва мусибат,
ки модашер ва наррашер, афъӣ
ва аждаҳои паррон аз он ҷо меоянд,
сарвати худро бар пушти харон,
ва ганҷи худро бар кӯҳони шутурон бор карда,
назди қавме ки ҳеҷ фоидае надоранд, мебаранд.
7 Чунки ёварии мисриён ҳеҷу пуч аст;
бинобар ин онҳоро хондаам:
«Раҳаби бекорнишин»+.
8 Акнун биё, инро бар лавҳе барои онҳо бинавис
ва дар китобе қайд намо,
то ки барои рӯзҳои оянда ба таври доимӣ,
то абад бимонад+.
9 Зеро ки инҳо қавми осӣ, писарони каззоб ҳастанд,
писароне ки намехоҳанд дастурҳои
Худовандро гӯш кунанд,

10 Ва онҳо ба ғайбдонон мегӯянд: «Ғайбдонӣ накунед!» —
ва ба анбиё мегӯянд: «Барои мо ҳақиқатро
нубувват нанамоед,
балки ба мо суханони ширин гӯед,
ҳазлу шӯхиро нубувват кунед,+
11 Аз роҳ дур шавед, аз тариқ берун равед,
Қуддуси Исроилро аз пеши мо дур кунед!»
12 Бинобар ин Қуддуси Исроил чунин мегӯяд:
«Азбаски шумо аз ин сухан безор шудаед,
ва ба зулм ва каҷравӣ умед баста, бар он такья
мекунед,
13 Аз ин рӯ ин гуноҳ барои шумо
мисли рахнаи пуртаҳдиде ки дар ҳисори баланд
пайдо шуда бошад,
хоҳад буд, ки фурӯғалтии он ҳисор баногоҳ,
дар як он ба амал хоҳад омад+.
14 Ва фурӯғалтии он мисли шикастани кӯзаи
сафолин хоҳад буд,
ки бе шафқат пора-пора мешавад,
ба тавре ки дар миёни пораҳояш сафолпорае
ёфт намешавад,
то ки оташ аз манқал бикашанд
ва об аз кӯлмак бигиранд»+.

## Панд дар бораи он ки ба Худованд руҷӯъ намуда, мадади Ӯро ба зидди Санҳериб биталабанд.

15 Зеро ки Худованд Худо, Қуддуси Исроил
чунин мегӯяд:
«Бо тавба ва фароғат наҷот меёфтед;
қуввати шумо дар оромӣ ва эътимод мебуд»;
вале шумо нахостед.
16 Ва гуфтед: «Не, мо бар аспон нишаста, хоҳем тохт», —
пас, хоҳед тохт;
«ва бар аспони сабукрав савор хоҳем шуд», —
пас, таъқибкунандагони шумо сабукрав хоҳанд шуд.
17 Ҳазор нафар аз таҳдиди як нафар рӯй ба гурез

хоҳанд овард;
шумо аз таҳдиди панҷ нафар рӯй ба гурез хоҳед овард
то даме ки мисли ходае бар куллаи кӯҳ,
ва мисли ливое бар теппа бимонед+.
18 Ва аз ин сабаб Худованд даранг менамояд,
то шуморо афв кунад;
ва аз ин сабаб Ӯ канорагирӣ менамояд,
то бар шумо марҳамат кунад;
зеро ки Худованд Худои адлу инсоф аст;
хушо ҳамаи онҳое ки ба Ӯ таваккал мекунанд!+
19 Ба яқин, эй қавме ки дар Сион, дар Ерусалим сокин ҳастед,
дигар гирья нахоҳед кард; Ӯ ба овози фарьёдатон бар шумо раҳм
хоҳад кард: онро шунидан замон, шуморо иҷобат хоҳад намуд.
20 Ва агарчи Худованд ба шумо нони тангайшӣ ва оби мусибатро
диҳад, муаллиматон дигар пинҳон нахоҳад шуд, ва чашмонатон
муаллиматонро хоҳад дид;
21 Ва гӯшҳотон суханеро аз қафои шумо хоҳад шунид, ки мегӯяд:
«Роҳ ин аст, бо он биравед», вақте ки ба тарафи рост ё чап майл
кунед.
22 Ва ҷилди нуқрагини санамҳои худро, ва пӯшоки заррини бутҳои
худро наҷис хоҳед донист; онҳоро мисли наҷосате дур андохта, хоҳед
гуфт: «Дафъ шав!»+
23 Ва Ӯ бар тухмие ки замини худро бо он кишт мекунед, борон
хоҳад дод, ва ҳосили ғаллаи замин ширадор ва фаровон хоҳад буд;
чорвои шумо дар он рӯз дар чарогоҳи фарохе хоҳад чарид+.
24 Ва нарговон ва хароне ки заминро кор мекунанд, хӯроки
намакине ки бо белу сешоха бод дода шуда бошад, хоҳанд хӯрд.
25 Ва дар рӯзи куштори азим, вақте ки бурҷҳо фурӯ меғалтад, бар
ҳар кӯҳи саркаш ва бар ҳар теппаи баланд наҳрҳо ва ҷӯйҳои об ҷорӣ
хоҳад шуд+.
26 Ва дар рӯзе ки Худованд ҷароҳати қавми Худро бибандад ва
захмҳои онҳоро шифо диҳад, рӯшноии моҳ мисли рӯшноии офтоб
хоҳад шуд, ва рӯшноии офтоб ҳафтчандон, мисли рӯшноии ҳафт рӯз
хоҳад буд+.
27 Инак, исми Худованд аз дурдаст меояд,
ғазаби Ӯ аланга мезанад, ва дуди ғализе

аз он боло мебарояд;
лабҳои Ӯ пур аз хашм аст,
ва забони Ӯ мисли оташи сӯзон аст+.
28 Ва нафаси Ӯ мисли селоби саршор аст,
ки то ба гардан мерасад,
то ки халқҳоро ғалбер карда ба дараҷаи нестӣ
расонад,
ва лаҷоми гумроҳиро ба даҳони қавмон андозад+.
29 Он гоҳ шумо мисли шаби тақдиси ид сурудгӯӣ
хоҳед кард,
ва дилшодии шумо мисли касоне хоҳад буд,
ки бо найнавозӣ меравofficeнд,
то ба кӯҳи Худованд, назди сахраи Исроил биёянд+.
30 Ва Худованд кибриёи овози Худро хоҳад шунавонид,
ва тазьиқи бозуи Худро бо шиддати ғазаб
ва алангаи оташи сӯзон,
бо тундбод ва сел ва жолаи сангин
зоҳир хоҳад намуд+.
31 Зеро ки Ашшур аз овози Худованд шикаст
хоҳад хӯрд,
ҳангоме ки варо бо асои ғазаби Худ зарба занад.
32 Ва ҳар зарбаи чӯбдасти қазо,
ки Худованд бар вай фурӯд хоҳад овард,
бо дафҳо, ва барбатҳо хоҳад буд,
ва Ӯ бо муҳорибаҳои шадид ба муқобили онҳо
ҷанг хоҳад кард.
33 Зеро ки Тӯфет* пешакӣ тайёр карда шудааст:
он барои подшоҳ низ муҳайёст,
ба тавре ки амиқ ва фарох гардидааст;
дар гулханаш оташ ва ҳезум бисьёр аст;
нафаси Худованд мисли наҳри кибрит онро хоҳад барафрӯхт+.

## Огоҳии дуюм ба Яҳудо, ки бо Миср иттифоқ набандад.

31 [1] Эй вой бар онҳое ки барои мадад ба Миср
фурӯд меоянд,
ва бар аспон такья менамоянд,
ва бар аробаҳо ба сабаби бисьёрии онҳо,
ва бар саворон ба сабаби пурзӯрии онҳо
таваккал мекунанд,
валекин ба Қуддуси Исроил рӯ намеоваранд,
ва аз Худованд дархост намекунанд!+
[2] Вале Ӯ низ хирадманд аст, ва ҳалокат хоҳад овард,
ва суханони Худро ботил нахоҳад кард,
ва бар зидди хонадони бадкешон
ва мададӣ бадкирдорон қиём хоҳад намуд.
[3] Ва мисриён одамизоданд ва на Худо,
ва аспони онҳо ҷисманд ва на рӯҳ;
ва чун Худованд дасти Худро дароз кунад,
мададгор пешпо хоҳад хӯрд,
ва мададталаб фурӯ хоҳад ғалтид,
ва ҳамаашон якҷоя нобуд хоҳанд шуд+.
[4] Зеро ки Худованд ба ман чунин гуфтааст:
«Чунон ки шер ва шербача бар сайди худ наъра мезанад,
дар сурате ки анбӯҳи чӯпонон бар зидди вай
ҷамъ мешаванд,
вале вай аз садои онҳо наметарсад
ва аз ҳаёҳуи онҳо сар хам намекунад, —
ончунон Худованди лашкарҳо фурӯд меояд,
то ки барои кӯҳи Сион ва теппаи он
ҳарбу зарб кунад»+.
[5] Чунон ки мурғон бар чӯҷаҳои худ дар парвоз
мебошанд,
ончунон Худованди лашкарҳо Ерусалимро
ҳимоят хоҳад кард,
муҳофизат намуда, халосӣ хоҳад дод,
шафақҷат намуда, раҳо хоҳад кард+.

[6] Эй банӣ-Исроил! Сӯи Ӯ, ки маъсиятро бар зиддаш афзун кардаед, ручӯъ намоед.

[7] Зеро ки дар он рӯз ҳар кас бутҳои нуқраи худ ва бутҳои тиллои худро, ки дастҳои шумо барои гуноҳ сохтааст, тарк хоҳад кард+.

[8] «Ва Ашшур аз шамшере ки аз они инсон набошад,
фурӯ хоҳад ғалтид,
ва шамшере ки аз они одам набошад,
варо маҳв хоҳад кард, — вай аз шамшер хоҳад гурехт,
ва ҷавонони вай хироҷгузор хоҳанд шуд+.
[9] Ва сахраи вай аз тарс рӯй ба гурез хоҳад овард,
ва мирони вай аз ливо ҳаросон хоҳанд шуд», —
мегӯяд Худованд, ки оташи Ӯ дар Сион,
ва кӯраи Ӯ дар Ерусалим мебошад+.

## Ваъдаҳо ва огоҳиҳо. Подшоҳи Раҳокунанда.

2 [1] Инак, подшоҳ бо адолат салтанат хоҳад ронд,
ва мирон бо инсоф ҳукмронӣ хоҳанд кард+.
[2] Ва ҳар кас мисли паноҳгоҳе аз бод
ва ниҳонгоҳе аз тӯфон,
мисли ҷӯйҳои об дар саҳрои хушк,
мисли сояи кӯҳпораи бузург дар замини бемаҷол
хоҳад буд+.
[3] Ва чашмони бинандагон пӯшида нахоҳад шуд,
ва гӯшҳои шунавандагон самъ хоҳад намуд+.
[4] Ва дили сабукмағзон ба фаҳм кардани дониш
қобил хоҳад шуд,
ва забони сақавҳо ба гуфтани суханони возеҳ
шитоб хоҳад кард.
[5] Нокас дигар валинеъмат номида нахоҳад шуд,
ва қаллоб сарватдор хонда нахоҳад шуд;
[6] Зеро ки нокас суханони зишт ба забон меронад,
ва дили вай бадкорӣ меандешад,
то ки риёкорӣ кунад ва дар ҳаққи Худованд
суханони куфромез гӯяд,
ҷони гуруснагонро аз нон маҳрум созад
ва оби ташнагонро кашида гирад+.
[7] Ва қаллоб воситаҳои бадро ба кор мебарад:
вай найрангҳо меандешад,
то ки мискинеро бо суханони дурӯғ нобуд кунад,
гарчанде ки камбағал аз рӯи инсоф сухан меронад.
[8] Валекин валинеъмат тадбирҳои олиҳимматона
меандешад,
ва ӯ дар олиҳимматӣ устувор хоҳад буд.
[9] Эй занони лоубол, бархоста,
овози маро бишнавед!
Эй духтарони худком,
ба суханони ман гӯш андозед!+
[10] Эй худкомон! Каме бештар аз як соли дигар
музтариб хоҳед шуд,

зеро ки ангурчинӣ анҷом ёфтааст,
ва мавсими ғунучини меваҳо фаро нахоҳад расид.
11 Эй лоуболон, биларзед!
Эй худкомон, музтариб шавед!
Либоси худро кашида, бараҳна шавед
ва палос бар камар бибандед!
12 Барои мазрааҳои зебо ва токҳои серҳосил
синазанон навҳа хоҳед кард.
13 Бар замини қавми ман хор ва явшон хоҳад рӯид,
ҳамчунин бар ҳамаи хонаҳои дилхушии
шаҳри пурсурур+.
14 Зеро ки қасрҳо тарк карда хоҳад шуд;
ғулғулаи шаҳр хотима хоҳад ёфт;
ҳисор ва бурҷи дидбонӣ то абад дар ивази
мағораҳо манзилгоҳи гӯрхарон
ва чарогоҳи чорво хоҳад шуд,
15 То даме ки бар мо рӯҳе аз афроз рехта шавад,
ва биёбон ба боғистон мубаддал гардад,
ва боғистон ҷангал ҳисоб ёбад+.
16 Ва он гоҳ инсоф дар биёбон сокин хоҳад шуд,
ва адолат дар боғистон ҷойгир хоҳад гардид.
17 Ва натиҷаи адолат сулҳу осоиштагӣ хоҳад буд,
ва самари адолат — оромӣ ва амният то абад.
18 Ва қавми ман дар макони сулҳу осоиштагӣ,
ва дар масканҳои амният, ва дар оромгоҳҳои
сафобахш ҷойгир хоҳанд шуд.
19 Ва ҳангоми фурӯ ғалтидани ҷангал жола хоҳад борид,
ва шаҳр ба водӣ фурӯд хоҳад омад+.
20 Хушо шумо, эй касоне ки назди ҳамаи обҳо
кишт менамоед,
ва пойҳои гову хари худро ба он ҷо равона мекунед!

## Давоми еаъдаҳо ва огоҳиҳо.

3 [1] Вой бар ту, эй тороҷгар,
ки ҳанӯз тороҷ нашудаӣ,
ва эй хиёнатгар, ки дар ҳаққи ту ҳанӯз
хиёнат накардаанд!
Чун тороҷи худро ба итмом расонӣ, тороҷ хоҳӣ шуд;
чун хиёнати худро анҷом диҳӣ, дар ҳаққи ту
хиёнат хоҳанд кард+.
[2] Худовандо! Ба мо раҳм намо: ба Ту умед бастаем;
ҳар бомдод бозуи мо бош,
ва наҷоти мо низ дар замони тангӣ.
[3] Аз овози пурғулғулаи Ту қавмон хоҳанд гурехт;
аз кибриёи Ту халқҳо пароканда хоҳанд шуд.
[4] Ва ғанимати шуморо ҷамъ хоҳанд кард,
чунон ки мӯрон ҷамъ мекунанд;
бар он хоҳанд давид, чунон ки анбӯҳи
малаххо медаванд+.
[5] Худованд олишон аст, зеро ки сокини афроз аст;
Ӯ Сионро аз инсоф ва адолат пур хоҳад кард+.
[6] Ва айёми ту бо ганҷи наҷот,
ҳикмат ва дониш устувор хоҳад шуд;
тарси Худованд махзани он хоҳад буд.
[7] Инак, зӯроварони онҳо дар кӯчаҳо фарьёд мезананд;
злчиёни сулҳу осоиштагӣ зор-зор гирья мекунанд+.
[8] Роҳҳо хароб шудааст; роҳгузаре боқӣ намондааст;
вай аҳдро шикастааст, шаҳрҳоро зеру забар кардааст,
ба мардум беэътиноӣ намудааст+.
[9] Замин мотам гирифтааст, ноком шудааст;
Лубнон пажмурда шудааст, хушкидааст;
Шорӯн мисли биёбон гардидааст,
ва Бошон ва Кармил баргҳои худро рехтаанд+.
[10] «Алҳол хоҳам бархост, — мегӯяд Худованд,
алҳол баланд хоҳам шуд, алҳол сууд хоҳам кард+.
[11] Шумо ба хошок ҳомила шуда, хас хоҳед зоид;
нафаси шумо оташест, ки шуморо хоҳад сӯзонид.

12 Ва қавмон мисли оҳаки сӯхтае хоҳанд буд,
мисли хорҳои бурида дар оташ хоҳанд сӯхт»+.
13 Эй онҳое ки дур ҳастед, он чиро, ки Ман
кардаам, бишнавед!
Ва эй онҳое ки наздик ҳастед, кудрати Маро бидонед!
14 Гуноҳкорон дар Сион ба ҳарос афтодаанд,
риёкоронро ларза гирифтааст:
«Кист аз мо, ки тавонад дар оташи сӯзон
сокин шавад?
Кист аз мо, ки тавонад дар алангаи абадӣ
сокин шавад?»+
15 Касе ки бо роҳи сидқу вафо равон аст
ва аз рӯи ростӣ сухан меронад,
касе ки аз ҳирси истисмор нафрат дорад,
дастҳои худро аз гирифтани ришва нигоҳ медорад,
гӯши худро аз шунидани суханони
оид ба хунрезӣ мебандад
ва чашмони худро аз дидани шарорат мепӯшад, —+
16 Вай дар баландиҳо сокин хоҳад шуд;
сахраҳои дастнорас паноҳгоҳи вай хоҳад буд;
нони вай дода хоҳад шуд;
оби вай таъмин хоҳад буд.
17 Чашмони ту Подшоҳро дар зебоин Ӯ хоҳад дид,
ба замини паҳновар нигоҳ хоҳад кард.
18 Дили ту даҳшатҳоро ба хотир хоҳад овард:
«Куҷост он кас, ки мешумурд?
Куҷост он кас, ки баркаш мекард?
Куҷост он кас, ки бурҷҳоро дар шумор меовард?»
19 Кавми ситампешаро дигар нахоҳед дид, —
қавмеро, ки нутқаш мушкил аст, ба тавре ки
кас наметавонад шунавад,
ва забонаш аҷибу ғариб аст, ба тавре ки
кас наметавонад фаҳмад+.
20 Ба Сион, ки шаҳри ҷамъомадҳои идонаи мост,
бингар!
Чашмони ту Ерусалимро хоҳад дид,

ки маскани амният
ва хаймаи ноҷунбон аст;
меххои вай ҳаргиз канда
ва танобҳояш гусехта нахоҳад шуд.
21 Зеро ки дар он ҷо Худованди неруманд
барои мо мисли макони наҳрҳо
ва рӯдҳои фарохе хоҳад буд,
ки ҳеҷ сафинаи бодбондор дар он дохил
нахоҳад шуд,
ва киштии бузург аз он нахоҳад гузашт.
22 Чунки Худованд довари мост,
Худованд қонунгузори мост,
Худованд подшоҳи мост;
Ӯ моро наҷот хоҳад дод.
23 Танобҳои ту суст шудааст,
ба тавре ки наметавонад пояи сутуни киштиро
маҳкам нигоҳ дорад
ва бодбонро бикшояд.
Он гоҳ ғанимати зиёде тақсим карда хоҳад шуд,
ва ҳатто лангон ба яғмо хоҳанд бурд.
24 Ва сокине нахоҳад гуфт: «Ман бемор ҳастам»;
барои қавме ки дар он ҷо иқомат доранд,
гуноҳашон омурзида хоҳад шуд.

## Доварӣ бар халқҳо: Ҳармиҷидӯн.

4 1 Эй халқҳо, наздик омада, бишнавед!
Ва эй қабилаҳо, бодиққат гӯш кунед!
Бигзор замин ва ҳар чи дар он аст, дунъё
ва ҳар чи дар он ба вуҷуд меояд, бишнавад!+
2 Зеро ки ғазаби Худованд бар ҳамаи халқҳост,
ва хашми Ӯ бар тамоми лашкари онҳост.
Ӯ онҳоро ба ҳалокат маҳкум кардааст,
ба катл таслим намудааст.
3 Ва мақтулони онҳо партофта хоҳанд шуд,
ва тааффуни ҷасадҳои онҳо хоҳад баромад,
ва кӯҳҳо аз хуни онҳо гудохта хоҳад шуд+.
4 Ва тамоми лашкари осмон фано хоҳад шуд,
ва осмон мисли тӯморе хоҳад печид,
ва тамоми лашкари он бетароват гардида,
фурӯ хоҳад ғалтид,
мисли барги ток, ки пажмурда шуда мерезад,
ва мисли меваи хом аз дарахти анҷир+.
5 Зеро ки шамшери Ман дар осмон сероб гардидааст:
инак, бар Адӯм ва бар қавме ки ба ҳалокат
маҳкум намудаам,
барои доварӣ меояд+.
6 Шамшери Худованд аз хун пур,
аз чарбу фарбеҳ шудааст, — аз хуни мешон ва такаҳо,
аз чарбуи гурдаҳои қӯчқорон:
зеро ки барои Худованд дар Басра забҳ аст,
ва куштори бузурге дар замини Адӯм+.
7 Ва говмешон бо онҳо хоҳанд афтод,
ва гӯсолаҳо бо нарговон;
ва заминашон аз хун сероб,
ва хокашон аз чарбу фарбеҳ хоҳад шуд+.
8 Зеро ки барои Худованд рӯзи интиқом аст, —
соли подош барои даъвои Сион+.
9 Ва наҳрҳои он ба қатрон,
ва хоки он ба кибрит табдил хоҳад ёфт,

ва замини он қатрони сӯзон хоҳад шуд+.
10 Шаб ва рӯз хомӯш нахоҳад шуд;
дуди он то абад хоҳад баромад;
аз насл ба насл харобазор хоҳад монд;
то абадуддаҳр касе дар он гузар нахоҳад кард+.
11 Ва онро мурғи саққо ва хорпушт тасарруф
хоҳанд намуд;
ва бум ва зоғ дар он сокин хоҳанд шуд;
ва Ӯ ресмони вайронӣ,
ва шоқули харобиро бар он хоҳад кашид+.
12 Аз ашрофу аъёнаш, ки ба подшоҳӣ даъват намоянд,
касе дар он ҷо нахоҳад буд;
ва ҳамаи миронаш нест хоҳанд шуд.
13 Ва дар қасрҳояш хорбӯттаҳо хоҳад рӯид,
ва бар қалъаҳояш — газна ва мушхор;
ва он маскани шағолон
ва иқоматгоҳи шутурмурғон хоҳад шуд+.
14 Ва дар он гурбаҳои ваҳшӣ ба рӯбоҳон дучор
хоҳанд омад,
ва ғӯл ёри худро хоҳад хонд;
ифрит низ дар он ҷо фароғат хоҳад кард,
ва барои худ оромгоҳ хоҳад ёфт+.
15 Дар он ҷо тирмор ошьёна сохта, тухм хоҳад монд,
ва бача бароварда, дар зери сояи худ ҷамъ хоҳад кард;
қарчиғайҳо низ дар он ҷо
яке бо дигаре ҷамъ хоҳанд шуд+.
16 Китоби Худовандро бодиққат қироат намуда,
хоҳед дид,
ки ҳеҷ яке аз инҳо кам нахоҳад буд:
яке дигареро гум нахоҳад кард;
зеро ки даҳони Ӯ амр фармудааст,
ва рӯҳи Ӯ онҳоро ҷамъ намудааст.
17 Ва Ӯ барои онҳо қуръа партофтааст,
ва дасти Ӯ онро барои онҳо бо ресмоне
тақсим кардааст;
то абад онро тасарруф хоҳанд намуд,

аз насл ба насл дар он сокин хоҳанд буд.

## Ҷалол ёфтани қавми Худо баъд аз андӯҳҳо.

## Ҷамъ шудани Исроил.

5 1 Биёбон ва саҳрои хушк ба ваҷд хоҳад омад,
ва чӯл шод хоҳад гардид,
мисли гули савсан хоҳад шукуфт;
2 Гул-гул шукуфта ва шод гардида,
аз хурсандӣ ва тараннум пур хоҳад шуд;
ҷалоли Лубнон ва шавкати Кармил
ва Шорӯн ба вай ато хоҳад шуд;
онҳо ҷалоли Худованд
ва шавкати Худои моро хоҳанд дид+.
3 Дастҳои беқувватро қавӣ кунед,
ва зонуҳои ларзонро тақвият диҳед+.
4 Ба дилҳои тарсончак бигӯед:
«Қавӣ бошед! Натарсед!
Инак, Худои шумо бо интиқом меояд,
бо подоши илоҳии Худ меояд:
Ӯ омада, шуморо наҷот хоҳад дод»+.
5 Он гоҳ чашмони кӯрон кушода хоҳад шуд,
гӯшҳои карон воз хоҳад шуд+.
6 Он гоҳ ланг мисли гавазн ҷастухез хоҳад кард,
ва забони гунг тараннум хоҳад намуд,
зеро ки обҳо дар биёбон,
ва рӯдҳо дар чӯл ҷӯш хоҳад зад+.
7 Ва сароб ба кӯл табдил хоҳад ёфт,
ва хушкӣ — ба чашмаҳои об;
дар маскане ки шағолон мехобанд,
маконе барои най ва қамиш хоҳад буд.
8 Ва дар он ҷо шоҳроҳе ва ҷоддае хоҳад буд,
ва он роҳи муқаддас номида хоҳад шуд;
наҷисе аз он нахоҳад гузашт;
балки он барои онҳо хоҳад буд,
ва ҳар кӣ бо ин роҳ равад, ҷоҳил бошад ҳам,
гумроҳ нахоҳад шуд+.

9 Шере дар он ҷо нахоҳад буд,
ва ҳайвони даррандае бар он нахоҳад баромад
ва дар он ҷо ёфт нахоҳад шуд,
балки растагорон бар он қадамгузор хоҳанд шуд.
10 Ва растагорони Худованд баргашта,
бо тараннум ба Сион хоҳанд омад,
ва хурсандии абадӣ бар сари онҳо хоҳад буд;
онҳо ба шодӣ ва хурсандӣ ноил хоҳанд гардид,
ва андӯху фиғон нест хоҳад шуд+.

## Тохтутози Санҳериб.

36 [1] •Дар соли чордаҳуми подшоҳ Ҳизқиё воқеъ шуд, ки
Санҳериб, подшоҳи Ашшур, бар ҳамаи шаҳрҳои истеҳкомдори
Яҳудо ҳуҷум оварда, онҳоро забт намуд.
[2] Ва подшоҳи Ашшур Рабшоқеро аз Локиш ба Ерусалим назди
подшоҳ Ҳизқиё бо лашкари азиме фиристод, ва ӯ назди ҷӯи ҳавзи
боло, дар роҳи саҳрои козар истод+.
[3] Ва Илъёқим ибни Ҳилқиё, ки нозири боргоҳ буд, ва Шебнои
мирзо ва Юоҳ ибни Ософи ваҳоеънавис назди ӯ берун омаданд+.

## Таклифи Рабшоқе.

[4] Ва Рабшоқе ба онҳо гуфт: «Ба Ҳизқиё бигӯед: „Подшоҳи бузург,
подшоҳи Ашшур чунин мегӯяд: ин чӣ таваккалест, ки бар он
таваккал кардаӣ?
[5] Ман мегӯям: оё ин хама суханони ботил ба ҷои машварат ва
қуввати ҷанг аст? Пас кист, ки бар вай таваккал карда, ба ман осӣ
шудаӣ?
[6] Инак, бар ин асои наи нимшикаста, яъне бар Миср таваккал
мекунӣ, ки агар касе бар он такья кунад, ба дасташ халида, онро
захмдор месозад; чунин аст фиръавн, подшоҳи Миср, барои ҳамаи
онҳое ки бар ӯ таваккал мекунанд+.
[7] Ва агар ба ман гӯӣ, ки бар Худованд Худои мо таваккал мекунем,
— Ӯ оё ҳамон нест, ки минбарҳо ва қурбонгоҳҳояшро Ҳизқиё аз миён
бардошта, ба Яҳудия ва Ерусалим гуфтааст: фақат пеши ин қурбонгоҳ
саҷда намоед+?
[8] Ва акнун, лутфан, бо оғои ман, подшоҳи Ашшур, шарт бибанд, ва
ман ду ҳазор асп ба ту хоҳам дод, агар ту барои худ саворонро бар
онҳо тавонӣ ба даст оварӣ.
[9] Пас, чӣ гуна ту мехоҳӣ рӯи пошо, яъне яке аз хурдтарин
бандагони оғои маро баргардонӣ, ва бар Миср барои аробаҳо ва
саворон таваккал намоӣ?
[10] Ва оё ман алҳол бе изни Худованд бар ин замин ҳуҷум
овардаам, то ки онро хароб кунам? Худованд ба ман гуфтааст: бар ин
замин ҳуҷум овар ва онро хароб кун!“»

11 Ва Ильёқим ва Шебно ва Юоҳ ба Рабшоқе гуфтанд: «Бо бандагони
худ ба забони арамӣ гуфтугузор кун, зеро ки онро мефаҳмем; ва бо
мо ба забони яҳудӣ дар гӯши қавме ки бар ҳисор мебошанд,
гуфтугузор накун»+.
12 Ва Рабшоқе гуфт: «Оё оғои ман маро фақат назди оғои ту ва
назди ту фиристодааст, то ки ин суханонро бигӯям? Не, назди ин
мардум низ фиристодааст, ки бар ҳисор нишастаанд, ва ҳамчун
шумо наҷосати худро хоҳанд хӯрд ва пешоби худро хоҳанд нӯшид».
13 Ва Рабшоқе бархост ва бо овози баланд ба забони яҳудӣ фарьёд
зада, гуфт: «Суханони подшоҳи бузург, подшоҳи Ашшурро бишнавед!
14 Подшоҳ чунин мегӯяд: „Бигзор Ҳизқиё шуморо фирефта
накунад, зеро ки ӯ наметавонад шуморо раҳо намояд;
15 Ва бигзор Ҳизқиё шуморо ба Худованд умедвор карда, нагӯяд,
ки Худованд моро ба яқин раҳо хоҳад намуд, ва ин шаҳр ба дасти
подшоҳи Ашшур таслим нахоҳад шуд.
16 Ба Ҳизқиё гӯш надиҳед, зеро ки подшоҳи Ашшур чунин мегӯяд:
бо ман мусолиҳа намоед ва пеши ман берун оед; ва ҳар яке меваи
токи худро, ва ҳар яке анҷири худро хоҳед хӯрд, ва ҳар яке аз оби
чоҳи худ хоҳед нӯшид,+
17 То вақте ки ман биёям ва шуморо гирифта, ба замине монанди
замини худатон, ба замини ғалла ва шарбат, ба замини нон ва токзор
бибарам+.
18 Мабодо Ҳизқиё шуморо фирефта карда, гӯяд: Худованд моро
раҳо хоҳад намуд! Оё худоёни халқҳо, ҳар яке замини худро, аз дасти
подшоҳи Ашшур раҳо кардаанд?
19 Худоёни Ҳамот ва Арпод куҷоянд? Худоёни Сефарвоим
куҷоянд? Ва оё Сомарияро аз дасти ман раҳо кардаанд+?
20 Аз ҳамаи худоёни ин заминҳо кист, ки замини худро аз дасти
ман раҳо карда бошад? Пас ҳоход ки Худованд Ерусалимро аз дасти
ман метавонад раҳо кунад?“»+
21 Валекин онҳо хомӯш монда, ба ҷавоби вай сухане нагуфтанд,
зеро подшоҳ амр фармуда гуфта буд, ки «ба вай ҷавоб надиҳед».
22 Ва Ильёқим ибни Ҳилқиё, ки нозири боргоҳ буд, ва Шебнои
мирзо, ва Юоҳ ибни Ософи вақоеънавис бо ҷомаҳои чокзада назди
Ҳизқиё омаданд, ва суханони Рабшоқеро ба ӯ гуфтанд.

## Бар тибқи дуои Ҳизқиё қуввати Санҳериб шикаст хӯрд.

37 [1] •Ва воқеъ шуд, ки чун подшоҳ Ҳизқиё инро шунид, либоси
худро чок зад, ва палос пӯшид, ва ба хонаи Худованд даромад.
[2] Ва Ильёқими нозири боргоҳ ва Шебнои мирзо ва коҳинони
пиронсолро, ки палос пӯшида буданд, назди набӣ, Ишаъё ибни Омӯс,
фиристод+.
[3] Ва онҳо ба вай гуфтанд: «Ҳизқиё чунин мегӯяд: „Имрӯз рӯзи
тангӣ ва ҷазо ва таҳқир аст, зеро ки кӯдакон ба дами валодат
расидаанд, вале қуввати зоидан нест+.
[4] Шояд, Худованд, Худои ту, суханони Рабшоқеро, ки оғояш
подшоҳи Ашшур ӯро барои таҳқир кардани Худои Ҳай фиристодааст,
бишнавад ва ӯро аз барои суханоне ки Худованд, Худои ту,
шунидааст, ҷазо диҳад; пас, барои ин бақияе ки вуҷуд доранд, дуое
бигӯй“»+.

## Худованд иродаи Худро ба Ишаъё ошкор мекунад.

[5] Ва бандагони подшоҳ Ҳизқиё назди Ишаъё омаданд.
[6] Ва Ишаъё ба онҳо гуфт: «Ба оғои худ чунин бигӯед: „Худованд
чунин мегӯяд: аз суханоне ки шунидаӣ, ки навкарони подшоҳи
Ашшур Маро бо онҳо дашном додаанд, натарс+.
[7] Инак, рӯҳе бар ӯ мефиристам, ва ӯ овозае шунида, ба замини худ
хоҳад баргашт, ва ӯро дар заминаш бо дами шамшер нобуд хоҳам
кард“».

## Санҳериб бо Ҳизқиё ба гуфтушунид шурӯъ менамояд.

[8] Ва Рабшоқе баргашт, ва подшоҳи Ашшурро дар вазъияте ёфт, ки
бо Либно ҷанг мекард, зеро шунида буд, ки аз Локиш ақиб рафтааст+.
[9] Ва ӯ дар бораи Тирҳоқо, подшоҳи Ҳабаш, хабаре шунид, ки яъне:
«Берун омадааст, то ки бо ту ҷанг кунад»; ва чун шунид, элчиён
назди Ҳизқиё фиристода, гуфт:
[10] «Ба Ҳизқиё, подшоҳи Яҳудия, чунин бигӯед: „Бигзор Худоят
туро фирефта накунад, ки ту ба Ӯ таваккал намуда мегӯӣ: Ерусалим
ба дасти подшоҳи Ашшур таслим нахоҳад шуд.
[11] Инак, ту шунидаӣ, ки подшоҳони Ашшур бо ҳамаи кишварҳо
чиҳо кардаанд, то ки сокинонашонро маҳв намоянд; ва оё ту раҳо

хоҳӣ шуд?
[12] Оё худоёни халқҳое ки падарони ман несту нобуд кардаанд,
онҳоро, яъне: Ҷӯзон ва Ҳорон ва Расаф ва банӣ-Аданро, ки дар
Талассор буданд, раҳоӣ доданд+?
[13] Подшоҳи Ҳамот ва подшоҳи Арпод ва подшоҳи шаҳри
Сефарвоим, Ҳенаъ ва Ивво куҷоянд?“»+

## Дуои Ҳизқиё ва ҷавоби Худованд ба воситаи Ишаъё.

[14] Ва Ҳизқиё номаро аз дасти элчиён гирифт, ва онро хонд, ва ба
хонаи Худованд даромад, ва онро ба ҳузури Худованд густаронид.
[15] Ва Ҳизқиё назди Худованд дуо хонда, гуфт:
[16] «Эй Худованди лашкарҳо, Худои Исроил, ки бар каррубиён
нишастаӣ! Туӣ, ки бар ҳамаи мамлакатҳои замин Худои ягона ҳастӣ;
Ту осмон ва заминро офаридаӣ+.
[17] Гӯши Худро, эй Худованд, хам карда, бишнав; чашмони Худро,
эй Худованд, кушода, бубин; ва ҳамаи суханони Санҳерибро, ки
барои таҳқир кардани Худои Ҳай фиристодааст, бишнав+.
[18] Худовандо! Дуруст аст, ки подшоҳони Ашшур ҳамаи кишварҳо
ва замини худашонро хароб кардаанд,
[19] Ва худоёни онҳоро дар оташ андохтаанд, зеро ки онҳо Худо
набуданд, балки маснӯи дастҳои одам, ва чӯб ва санг буданд, бинобар
ин онҳоро несту нобуд кардаанд+.
[20] Ва акнун, эй Худованд Худои мо, моро аз дасти вай наҷот деҳ, то
ҳамаи мамлакатҳои замин бидонанд, ки Ту Худованди ягона
ҳастӣ»+.
[21] Ва Ишаъё ибни Омӯс назди Ҳизқиё кас фиристода, гуфт:
«Худованд, Худои Исроил, чунин мегӯяд: азбаски назди Ман дар
бораи Санҳериб, подшоҳи Ашшур, дуо гуфтӣ,
[22] Чунин аст сухане ки Худованд дар бораи вай гуфтааст:
духтари бокираи Сион аз ту нафрат намуда,
туро тамасхур кардааст,
ва духтари Ерусалим
аз қафои ту сар ҷунбонидааст!
[23] Киро ту таҳқир намудаӣ ва дашном додаӣ?
Ва дар ҳаққи кӣ овоз баланд кардаӣ
ва чашмони худро боло бардоштаӣ?

Дар ҳаққи Куддуси Исроил!
24 Ба воситаи бандагони худ Худовандро таҳқир
намуда, гуфтаӣ:
„Бо анбӯҳи аробаҳои худ ман ба қуллаи кӯҳҳо,
бар ақсои Лубнон баромадаам,
ва арзҳои болобаланд ва сарвҳои гузини онро
буридаам,
ва ба қуллаи баландтарини он, ба боғистони
ҳосилхези он расидаам;+
25 Ва ман чоҳ канда, об нӯшидаам;
ва бо кафи пойҳои худ
ҳамаи наҳрҳои Мисрро хушк хоҳам кард“.
26 Оё ту нашнидаӣ,
ки Ман аз замони пеш инро қарор додаам,
аз қадимулайём инро пешбинӣ намудаам,
ва ҳоло инро тавре ба амал овардаам,
ки ту шаҳрҳои истеҳкомдорро валангор карда,
ба харобазор табдил медиҳӣ+?
27 Ва сокинони онҳо камқувват, ҳаросон ва хиҷил шудаанд:
онҳо мисли алафи саҳро ва майсаи навхез,
ва сазбаи болои бомҳо, ва мисли киштзоре ки
пеш аз хӯша бастанаш хушк шуда бошад,
гардидаанд+.
28 Вале Ман нишастани туро,
ва баромадани туро, ва даромадани туро медонам;
ва адоватеро, ки ба Ман дорӣ+.
29 Азбаски адовате ки ба Ман дорӣ,
ва лоуболии ту ба гӯши Ман расидааст,
бинобар ин маҳори Худро ба бинии ту,
ва ҷилави Худро ба даҳони ту хоҳам зад,
ва туро бо роҳе ки омадаӣ, хоҳам баргардонид+.
30 Ва аломат барои ту, эй Ҳизқиё, чунин аст: имсол ғаллаи худрӯй
хоҳед хӯрд, ва дар соли дуюм — он чи аз он бирӯяд; вале дар соли
сеюм кишт кунед ва дарав намоед, ва токҳо шинонед ва меваи онҳоро
бихӯред+.

[31] Ва растагорони хонадони Яҳудо, ки боқӣ мондаанд, аз нав дар
поён реша хоҳанд давонид, ва дар боло мева хоҳанд овард,+
[32] Зеро ки бақия аз Ерусалим, ва растагорон аз кӯҳи Сион ба вуҷуд
хоҳанд омад. Рашки Худованди лашкарҳо инро ба амал хоҳад овард+.
[33] Бинобар ин Худованд дар бораи подшоҳи Ашшур чунин мегӯяд:
вай ба ин шаҳр ворид нахоҳад шуд, ва ба он ҷо тир нахоҳад андохт, ва
назди он бо сипар нахоҳад омад, ва дар муқобили он хокрез барпо
нахоҳад кард+.
[34] Бо кадом роҳе ки омадааст, бо ҳамон хоҳад баргашт, валекин ба
ин шаҳр ворид нахоҳад шуд, — мегӯяд Худованд.
[35] Ва Ман ин шаҳрро ҳимоят хоҳам кард, то ки онро ба хотири
Худам ва ба хотири бандаи Худ Довуд наҷот диҳам».
[36] Ва фариштаи Худованд берун омада, дар ӯрдуи Ашшур саду
ҳаштоду панҷ ҳазор нафарро зарба зад; ва субҳидам бархостанд, ва
инак, ҳамаашон ҷасадҳои мурда буданд+.
[37] Ва Санҳериб, подшоҳи Ашшур, ақиб нишаста, раҳсипор шуд, ва
бозгашта, дар Нинве сукунат кард+.
[38] Ва воқеъ шуд, ки чун ӯ дар хонаи Нисрӯк, худои худ, саҷда
мекард, писаронаш Адрмалик ва Шаросир ӯро бо шамшер куштанд,
ва худашон ба замини Аророт гурехтанд; ва писараш Асарҳадӯн ба
ҷои ӯ подшоҳ шуд+.

## Бемории Ҳизқиё ва шифо ёфтани ӯ.

**38** [1] •Дар он айём Ҳизқиё бемор шуда, наздик ба мурдан буд; ва
набӣ, Ишаъё ибни Омӯс, назди ӯ омада, ба ӯ гуфт: «Худованд
чунин мегӯяд: барои аҳли байти худ васият намо, зеро ки ту хоҳӣ
мурд ва шифо нахоҳӣ ёфт».
[2] Ва Ҳизқиё рӯи худро ба девор гардонида, сӯи Худованд дуо хонд,
[3] Ва гуфт: «Лутфан, эй Худованд, ба ёд овар, ки чӣ гуна ман ба
ҳузури Ту бо ростӣ ва аз самими қалб рафтор намудаам, ва он чи дар
назари Ту мақбул буд, ба амал овардаам». Ва Ҳизқиё зор-зор гирист+.
[4] Ва каломи Худованд бар Ишаъё нузул карда, гуфт:
[5] «Бирав ва ба Ҳизқиё бигӯй: Худованд, Худои падарат Довуд,
чунин мегӯяд: дуои туро шунидам, ашкҳои туро дидам. Инак, Ман
бар рӯзҳои ту понздаҳ сол илова менамоям+.
[6] Ва туро ва ин шаҳрро аз дасти подшоҳи Ашшур раҳо хоҳам
намуд, ва ин шаҳрро ҳимоят хоҳам кард+.
[7] Ва аломат аз ҷониби Худованд дар бораи он ки Худованд
каломеро, ки гуфтааст, ба амал хоҳад овард, барои ту чунин аст:
[8] Инак, Ман сояи зинаҳоро, ки аз офтоб бар зинаҳои Оҳоз*
фуромадааст, даҳ зина қафо мегардонам». Ва офтоб аз зинаҳое ки
фуромада буд, даҳ зина қафо гашт+.
[9] Таронаи Ҳизқиё, подшоҳи Яҳудо, вақте ки ӯ бемор шуд ва аз
бемории худ шифо ёфт:
[10] Ман гуфтам, ки дар миёнаи рӯзҳои худ
ба дарвозаи дӯзах хоҳам рафт:
ман аз бақияи солҳои худ маҳрум шудаам.
[11] Ман гуфтам, ки Худовандро дигар нахоҳам дид, —
Худовандро дар замини зиндаҳо;
дар миёни сокинони дуньё инсонро дигар нахоҳам дид;+
[12] Маскани ман барканда шудааст
ва мисли хаймаи чӯпон аз ман дур рафтааст;
мисли бофандае ман риштаи умри худро
кӯтоҳ кардаам;
Ӯ маро аз навард хоҳад бурид;
аз рӯз то шаб Ту кори маро тамом хоҳӣ кард+.

13 То субҳ ман сокит будам;
мисли шер Ӯ ҳамаи устухонҳои маро хоҳад шикаст;
аз рӯз то шаб Ту кори маро тамом хоҳӣ кард+.
14 Мисли фароштурук, мисли лайлак ман садо
мебаровардам,
мисли кабӯтар нолиш мекардам;
чашмонам сӯи афроз баланд мешуд:
Худовандо! Гирифтори ситам ҳастам;
маро халосӣ бидеҳ+.
15 Чӣ метавонам бигӯям?
Ӯ ба ман гуфт — ва Ӯ ба ҷо овард.
Тамоми солҳои худро бо талхии ҷонам
оҳиста-оҳиста ба сар хоҳам бурд.
16 Худовандо! Бо ин чизҳо зиндагӣ мекунанд,
ва ҳаёти рӯхи ман бо ҳамаи инҳост;
ва Ту маро шифо бидеҳ ва ба ман ҳаёт бибахш.
17 Инак, талхӣ барои ман ба саломатӣ мубаддал шуд,
ва Ту лутф намуда, ҷони маро аз чоҳи ҳалокат
баровардӣ,
чунки ҳамаи гуноҳҳои маро ба пушти Худ партофтӣ+.
18 Зеро ки дӯзах Туро ҳамд намегӯяд,
мамот Туро ситоиш намекунад,
ба гӯр фурӯ рафтагон ростии Туро интизор надоранд+.
19 Зинда, фақат зинда Туро ҳамд мегӯяд,
чунон ки ман имрӯз мегӯям;
падар ба писаронаш ростии Туро мефаҳмонад+.
20 Худованд маро наҷот медиҳад,
ва сурудҳоямро тамоми рӯзҳои ҳаёти худ
дар хонаи Худованд хоҳам хонд.

21 Ва Ишаъё гуфт: «Бигзор кулӯлае аз анҷирқоқ биёранд, ва бар
захм бимоланд, ва ӯ шифо хоҳад ёфт».

22 Ва Ҳизқиё гуфт: «Аломати он ки ба хонаи Худованд хоҳам рафт,
чист?»

## Хатои Ҳизқиё. Пешгӯӣ дар бораи асирии Бобил.

39 1 •Дар он замон Мерӯдак Балъадон ибни Балъадон, подшоҳи
Бобил, ба Ҳизқиё нома ва ҳадия фиристод, зеро шунида буд, ки
вай бемор будааст ва сиҳат ёфтааст.
2 Ва Ҳизқиё аз онҳо хурсанд шуд, ва хазинахонаи худро: нуқра ва
тилло, ва атриёт ва равғани аъло, ва тамоми қӯрхонаи худ, ва ҳар
чиро, ки дар хазоини ӯ ёфт мешуд, ба онҳо нишон дод; ҷизе набуд, ки
Ҳизқиё ба онҳо дар хонаи худ ва дар тамоми қаламрави худ нишон
надода бошад+.
3 Ва Ишаъёи набӣ назди подшоҳ Ҳизқиё омад, ва ба ӯ гуфт: «Ин
одамон чӣ гуфтанд? Ва аз куҷо назди ту омадаанд?» Ва Ҳизқиё гуфт:
«Аз кишвари дур, аз Бобил онҳо назди ман омадаанд».
4 Ва Ишаъё гуфт: «Дар хонаи ту чӣ диданд?» Ва Ҳизқиё гуфт: «Ҳар
он чи дар хонаи ман ҳаст, диданд; чизе дар хазоини ман намонд, ки
ба онҳо нишон надода бошам».
5 Ва Ишаъё ба Ҳизқиё гуфт: «Каломи Худованди лашкарҳоро
бишнав:
6 Инак, рӯзҳо меоянд, ва ҳар он чи дар хонаи туст, ва он чи
падаронат то имрӯз андӯхтаанд, ба Бобил бурда хоҳад шуд; чизе боқӣ
нахоҳад монд, — мегӯяд Худованд+.
7 Ва аз писаронат, ки аз ту ба вуҷуд оянд, ва ту онҳоро ба дуньё
оварӣ, хоҳанд гирифт, — ва онҳо дар қасри подшоҳи Бобил хоҷасаро
хоҳанд шуд»+.
8 Ва Ҳизқиё ба Ишаъё гуфт: «Каломи Худованд, ки ту ба забон
рондӣ, барҳақ аст». Ва гуфт: «Бигзор дар рӯзҳои ман осоиштагӣ ва
поядагӣ бошад!»

## Нубувват дар бораи Яҳъёи Таъмиддиҳанда.

**40** 1 Тасаллӣ диҳед, қавми маро тасаллӣ диҳед,
— мегӯяд Худои шумо+.
2 Суханони дилпазир ба Ерусалим гӯед
ва ба вай эълон намоед, ки мӯҳлати мубориза и
вай пур шудааст,
гуноҳаш подош ёфтааст,
зеро ки вай барои ҳамаи хатоҳояш
аз дасти Худованд дучандон ҷазо дидааст+.
3 Овозе нидо мекунад: «Дар биёбон роҳе барои
Худованд тайёр кунед,
тариқе барои Худои мо дар саҳро ҳамвор кунед!+
4 Ҳар дара баланд ва ҳар кӯҳ ва теппа
паст хоҳад шуд,
ва партгоҳ ба дашт
ва силсилаи кӯҳҳо ба водӣ табдил хоҳад ёфт.
5 Ва ҷалоли Худованд зоҳир хоҳад шуд,
ва ҳар ҷисм якбора онро хоҳад дид,
зеро ки даҳони Худованд инро гуфтааст»+.

## Дар бораи кибриёи Худо ва сустии инсон.

6 Овоз мегӯяд: «Эълон намо!»
Ва гуфтам: «Чиро эълон намоям?»
Ҳар ҷисм мисли алаф аст, ва тамоми ҳусни он
мисли гули саҳро.
7 Алаф хушк мешавад, гул пажмурда мегардад,
вақте ки боде аз ҷониби Худованд бар он бивазад:
ба яқин, қавм низ алаф ҳастанд.
8 Алаф хушк мешавад, гул пажмурда мегардад,
вале каломи Худои мо то абад қоим хоҳад буд+.
9 Бар кӯҳи баланд баро,
эй мубаширони Сион!
Овозатро бо тамоми қувват баланд кун,
эй мубаширои Ерусалим!
Баланд кун, натарс,

ба шаҳрҳои Яҳудо бигӯй:
«Инак, Худои шумо!»
10 Инак, Худованд Худо бо кудрат меояд,
ва бозуи Ӯ барои Ӯ ҳукмронӣ мекунад.
Инак, мукофоти Ӯ бо Ӯст,
ва подоши Ӯ пеши Ӯст+.
11 Ӯ мисли чӯпоне рамаи Худро хоҳад чаронид,
барраҳонро бо бозуи Худ ҷамъ карда,
дар оғӯши Худ хоҳад гирифт,
мешони ширдеҳро роҳнамоӣ хоҳад намуд+.
12 Кист, ки обҳоро бо мушташ андоза намудааст,
ва афлокро бо ваҷаб паймудааст,
ва хоки заминро дар ченаке гунҷонидааст,
ва кӯҳҳоро бо каппон
ва теппаҳоро бо паллаи тарозу баркашидааст+?
13 Кист, ки рӯҳи Худовандро андоза намудааст,
ва мушовири Ӯ гардидааст, ва Ӯро таълим додааст+?
14 Ӯ бо кӣ машварат кардааст, ва кист, ки ба Ӯ
хирад бахшидааст,
ва тариқи адлу инсофро ба Ӯ таълим додааст,
ва ба Ӯ дониш омӯхтааст, ва роҳи дурустиҳоро
ба Ӯ ёд додааст+?
15 Халқҳо, охир, мисли қатрае аз сатил
ва мисли гарде бар тарозу ҳисоб меёбанд.
Ҷазираҳоро, охир, Ӯ мисли ғуборе мебардорад.
16 Ва Лубнон барои ҳезуми қурбонгоҳ кифоят намекунад,
ва ҳайвоноти он барои қурбониҳои сӯхтанӣ басанда нест+.
17 Ҳамаи халқҳо пеши Ӯ ночизанд,
дар назари Ӯ ҳеҷу пуч ҳисоб меёбанд+.
18 Пас, Худоро ба кӣ монанд мекунед?
Ва чӣ гуна ташбеҳро ба Ӯ баробар медонед+?
19 Бутро рехтагар мерезад,
ва заргар онро бо тилло мепӯшонад,
ва занҷирҳои нуқра барояш месозад.
20 Бенавое ки чунин ҳадия барояш дастнорас аст,
чӯберо, ки намепӯсад, хуш мекунад,

наҷҷори моҳире барои худ меёбад,
то буте бисозад, ки поянда бошад+.
21 Магар намедонед? Магар шумо нашнидаед?
Магар аз аввал ба шумо гуфта нашудааст?
Магар аз буньёди замин фаҳм надоред?
22 Ӯ Ҳамон аст, ки бар доираи замин нишастааст,
ва сокинони он мисли малах мебошанд;
Ӯ афлокро мисли чодире густурдааст,
ва онро мисли хаймае барои сукунат барафроштааст+.
23 Ӯ миронро ночиз мегардонад,
доварони заминро ҳеҷу пуч месозад+.
24 Гӯё ки онҳо ҳанӯз шинонда нашуда бошанд,
ҳанӯз кошта нашуда бошанд,
гӯё ки танаи онҳо ҳанӯз дар замин
реша надавонда бошад, —
ҳамин ки ӯ бар онҳо боде вазонид, онҳо хушк шуданд,
ва тундбод онҳоро мисли пари коҳе гирифта бурд.
25 Пас, Маро ба кӣ монанд мекунед,
то ки Ман ба вай баробар бошам? — мегӯяд Қуддус.
26 Чашмони худро сӯи афроз баланд карда, бубинед:
кист, ки инҳоро офаридааст?
Ӯ лашкари онҳоро ба шумор берун меоварад,
ҳамаи онҳоро бо номҳошон мехонад;
аз бузургии қувват ва тавоноии қудрати Ӯ
ҳеҷ яке аз онҳо ниҳон нахоҳад шуд+.
27 Пас чаро, эй Яъқуб, ба забон меронӣ,
ва эй Исроил, мегӯӣ:
«Роҳи ман аз назари Худованд гум шудааст,
ва даъвои ман аз Худои ман дур афтодааст»+?
28 Магар ту намедонӣ? Магар ту нашнидаӣ?
Худованд, Худои ҷовид, ки ақсои заминро офаридааст,
хаста намешавад ва лакот намегардад;
хиради Ӯ таҳқиқнопазир аст+.
29 Ӯ хастаро қувват мебахшад,
ва ба бемаҷол тавоноӣ афзун мекунад+.
30 Ҳатто амрадон хаста мешаванд ва лакот мегарданд,

ва ҷавонмардон тамоман фурӯ меғалтанд,
31 Валекин умедворони Худованд қуввати тоза
пайдо мекунанд,
мисли уқобон бол меафшонанд,
медаванд ва бемаҷол намегарданд,
қадам мезананд ва хаста намешаванд+.

## Давоми он.

1 [1] Эй ҷазираҳо, ба ҳузури Ман хомӯш монед;
ва бигзор қабилаҳо қуввати тоза пайдо кунанд
ва наздик омада, гӯянд:
якҷоя муҳокима хоҳем кард+.
[2] Кист, ки шахсеро аз шарқ барангехтааст,
ки вай дар ҳар қадамаш ба зафар дучор меояд?
Кист, ки халқҳоро пеши вай таслим намудааст,
ва подшоҳонро фурӯд овардааст?
Вай онҳоро бо дами шамшери худ
мисли ғуборе мегардонад
ва бо камони худ мисли коҳрезае ки пароканда
мешавад+.
[3] Вай онҳоро таъқиб намуда,
аз роҳе ки ҳаргиз пои худро намондааст,
ба саломатӣ мегузарад.
[4] Кист, ки инро иҷро кардааст ва ба амал овардааст? —
Ӯ, ки наслҳоро аз азал даъват намудааст!
Ман, ки Худованд ҳастам, аввалинам,
ва бо охиринҳо Ман ҳамон хоҳам буд+.
[5] Ҷазираҳо дидаанд ва ҳаросон шудаанд,
ақсои замин ба ларза афтодаанд,
онҳо наздик омада, муттаҳид гардидаанд.
[6] Яке ба дигаре мадад мекунад
ва ба бародари худ мегӯяд: «Қавидил бош!»
[7] Ва рехтагар — заргарро,
чакушзани сайқалгар сандонкӯбро тақвият медиҳад
ва дар бораи кафшер мегӯяд: «Хуб аст»,
ва онро бо меххо мустаҳкам мекунад,
то ки поянда бошад+.
[8] Валекин ту, эй бандаи Ман Исроил,
ва эй Яъқуб, ки туро баргузидаам,
ва эй насли дӯсти Ман Иброҳим,+
[9] Ки туро аз ақсои замин гирифтаам,
ва туро аз канорҳои он даъват намудаам,

ва ба ту гуфтаам: «Ту бандаи Ман ҳастӣ,
Ман туро баргузидаам»,
ва туро тарк накардаам,
10 Натарс, зеро ки Ман бо ту ҳастам;
наларз, зеро ки Ман Худои ту ҳастам:
Ман туро тақвият хоҳам намуд, ва туро ёварӣ хоҳам дод,
ва туро бо ямини адолати Худ дастгирӣ хоҳам кард.
11 Инак, ҳамаи онҳое ки бар ту ғазаб доранд,
хиҷил ва расво хоҳанд шуд,
ва онҳое ки бо ту ҷидол мекунанд, нест шуда,
беному нишон хоҳанд рафт;
12 Онҳоеро, ки бо ту талош менамоянд,
ҷустуҷӯ карда, нахоҳӣ ёфт,
ва онҳое ки бо ту ҷанг мекунанд,
несту нобуд хоҳанд шуд,
13 Зеро Ман, ки Худованд Худои ту ҳастам,
ямини туро гирифта,
ба ту мегӯям: «Натарс, Ман туро ёварӣ хоҳам дод».
14 Натарс, эй кирми Яъқуб,
эй бақияи камшумори Исроил!
Ман туро ёварӣ хоҳам дод, — мегӯяд Худованд, —
ва Қуддуси Исроил туро хоҳад раҳонид+.
15 Инак, Ман туро ғаллакӯбаки тези нави
дандонадоре гардонидаам:
ту кӯҳҳоро кӯфта, гард-гард хоҳӣ кард,
ва теппаҳоро мисли коҳ реза хоҳӣ сохт;
16 Онҳоро бод хоҳӣ дод, ва бод онҳоро хоҳад бардошт,
ва тундбод онҳоро пароканда хоҳад кард;
ва ту аз Худованд ба ваҷд хоҳӣ омад,
аз Қуддуси Исроил фахр хоҳӣ кард.
17 Бенавоён ва мискинон об металабанд, вале нест:
Забонашон аз ташнагӣ хушк мешавад.
Ман, ки Худованд ҳастам, онҳоро иҷобат хоҳам намуд.
Ман, ки Худои Исроил ҳастам,
онҳоро тарк нахоҳам кард.
18 Бар теппаҳои беоб наҳрҳо,

ва дар миёни водиҳо чашмаҳо хоҳам кушод:
биёбонро ба кӯли об,
ва замини хушкидаро ба чашмаҳои об
табдил хоҳам дод+.
19 Дар биёбон арз, ақоқиё,
ос ва зайтуни ёбоӣ хоҳам шинонид;
дар саҳро сарв,
коҷ ва шамшодро якҷоя хоҳам рӯёнид,+
20 То мардум бубинанд, ва бидонанд,
ва диққат диҳанд ва якҷоя фаҳм кунанд,
ки дасти Худованд инро ба амал овардааст,
ва Куддуси Исроил инро офаридааст.
21 Даъвои худро арз намоед,
— мегӯяд Худованд.
Далелҳои қатъии худро пешниҳод кунед,
— мегӯяд Подшоҳи Яъқуб.
22 Бигзор бутҳо он чиро, ки рӯй хоҳад дод,
ба мо пешниҳод карда, баён намоянд;
вақоеи пешина чист? —
бигӯед, ва мо фикр ронда,
оқибати онро хоҳем донист;
ё ки вақоеи ояндаро ба мо пешгӯӣ намоед.
23 Он чиро, ки баъд аз ин ба вуқӯъ хоҳад омад,
баён кунед,
ва мо хоҳем донист, ки шумо худо ҳастед;
ягон кори неке ё баде бикунед,
то ки мабҳут шавем ва якҷоя бубинем.
24 Аммо шумо ночиз ҳастед,
ва амали шумо ҳеҷу пуч аст,
ва ҳар кӣ шуморо ихтиёр кунад, зишт аст+.
25 Ман шахсеро аз шимол барангехтам, ва ӯ хоҳад омад,
аз самти тулӯи офтоб исми Маро хоҳад хонд,
ва миронро мисли лое лагадкӯб хоҳад кард,
ва монанди кӯзагаре хоҳад буд,
ки гилро поймол мекунад+.
26 Кист, ки аз ибтидо гуфтааст, то мо бидонем,

ва пешакӣ хабар додааст, то мо бигӯем:
«Ҳақ асту рост»?
Аммо ҳеҷ кас нагуфтааст,
ҳеҷ кас хабар надодааст,
ҳеҷ кас суханони шуморо нашнидааст+.
27 Аввалин Ман ба Сион гуфтам: «Инак инҳо!»,
ва ба Ерусалим мубашшире бахшидам+.
28 Ва Ман назар андохтам, ва касе нест,
ва аз байни онҳо мушовире нест,
то ки Ман ба онҳо савол диҳам, ва онҳо
ҷавоб гардонанд.
29 Инак, ҳамаи онҳо ночизанд,
аъмолашон низ ночиз аст;
бутҳои фулуззии онҳо ҳеҷу пуч аст.

## Масеҳ — бандаи Худо.

2 [1] Инак, Бандаи Ман, ки Ӯро Ман дастгирӣ мекунам,
баргузидаи Ман, ки ҷони Ман ба Ӯ таваҷҷӯҳ менамояд.
Ман рӯҳи Худро бар Ӯ ниҳодаам,
ва Ӯ инсофро барои халқҳо ҷорӣ мекунад+.
[2] Ӯ фарьёд нахоҳад зад, ва овози Худро баланд
нахоҳад кард,
ва онро дар кӯчаҳо нахоҳад шунавонид;
[3] Наи нимшикастаро нахоҳад шикаст,
ва пилтаи катонии камнурро
хомӯш нахоҳад кард;
инсофро аз рӯи ростӣ ҷорӣ хоҳад намуд;
[4] Лакот нахоҳад шуд, ва бемаҷол нахоҳад гардид,
то даме ки инсофро бар замин барқарор намояд;
ва ҷазираҳо дар интизори таълимоти Ӯ хоҳанд буд.
[5] Худованд Худо,
ки афлокро офарида, барафроштааст,
заминро бо ҳар чи аз он ба вуҷуд меояд, густурдааст,
ба қавме ки дар он ҳастанд, нафасро,
ва ба махлуқоте ки дар он қадамгузор мебошанд,
рӯҳро бахшидааст, чунин мегӯяд:+
[6] «Ман, ки Худованд ҳастам, Туро барои адолат
даъват намудаам,
ва дасти Туро хоҳам гирифт, ва Туро
нигаҳбонӣ хоҳам кард,
ва Туро аҳди қавм ва нури халқҳо хоҳам гардонид,+
[7] То ки чашмони кӯронро бикшоӣ,
бандиёнро аз ҳабс,
дар зулмот нишастагонро аз зиндон берун оварӣ+.

## Исроил, ки қавми баргузида аст, гуноҳ кард, ҷазо кашид, омурзида шуд.

[8] Ман Худованд ҳастам, ва исми Ман ҳамин аст,
ва ҷалоли Худро ба дигаре,
ва ҳамду санои Худро ба санамҳо нахоҳам дод+.

9 Инак, паёмҳои пешина ба амал омадааст;
ва нави онҳоро Ман эълон менамоям:
пеш аз он ки ба вуқӯъ оянд, онҳоро ба шумо мешунавонам».
10 Дар шаъни Худованд суруди наве бисароед,
ва ҳамду санои Ӯро аз ақсои замин бихонед,
эй баҳрпаймоён ва ҳар он чи дар баҳр аст,
эй ҷазираҳо ва сокинони онҳо!+
11 Бигзор биёбон ва шаҳрҳои он,
ва қасабаҳое ки банӣ-Қедор дар онҳо сокинанд,
овози худро баланд кунанд;
сокинони Солаъ тараннум карда,
аз қуллаи кӯҳҳо ҷор зананд;+
12 Худовандро ҷалол диҳанд,
ва ҳамду санои Ӯро дар ҷазираҳо бихонанд.
13 Худованд мисли ҷаббор берун хоҳад омад,
мисли марди майдон рашки Худро хоҳад барангехт,
ҷор хоҳад зад ва наъра хоҳад кашид,
бар душмани Худ музаффар хоҳад шуд+.
14 Ман дер вақт хомӯш мондам,
сокит будам, худдорӣ намудам;
акнун мисли зане ки мезояд, фарьёд хоҳам зад;
канда-канда нафас хоҳам кашид+.
15 Кӯҳҳо ва теппаҳоро хароб хоҳам кард,
ва тамоми набототи онҳоро хоҳам хушконид,
ва наҳрҳоро ба ҷазираҳо табдил хоҳам дод,
ва кӯлҳоро хоҳам хушконид+.
16 Ва кӯронро бо роҳе ки намедонанд, хоҳам бурд;
онҳоро бо тариқҳое ки балад нестанд,
ҳидоят хоҳам намуд;
торикиро пеши онҳо ба рӯшноӣ,
ва каҷукилебиҳоро ба роҳи рост
табдил хоҳам дод.
Ин корҳоро Ман барояшон ба ҷо хоҳам овард,
ва онҳоро тарк нахоҳам кард+.
17 Онҳое ки ба санамҳо таваккал мекунанд,
ва ба бутҳо мегӯянд:

«Шумо худои мо ҳастед»,
қафо гашта, бағоят хиҷил хоҳанд шуд+.
18 Эй карон, бишнавед!
Ва эй кӯрон, назар андозед, то бубинед!+
19 Кист, ки мисли бандаи Ман кӯр бошад?
Ва мисли элчии Ман, ки Ман мефиристам,
кар бошад?
Кист, ки мисли мусалламии Ман кӯр бошад?
Ва мисли бандаи Худованд кӯр бошад+?
20 Ту чизҳои бисьёре дидаӣ, вале маҳфуз надоштаӣ;
гӯшҳоят кушода буд, вале нашнидаӣ+.
21 Ба Худованд писанд афтодааст,
ки ба хотири адолати Худ шариатро интишор намояд ва ҷалол диҳад.
22 Валекин онҳо қавме ҳастанд, ки тороҷ
ва яғмо шудаанд;
ҳамаашон дар ғорҳо бандубаст
ва дар зиндонҳо пинҳон карда шудаанд:
гирифтори тороҷ гардидаанд, ва раҳокунандае нест;
гирифтори яғмо гардидаанд, ва касе нест,
ки гӯяд: «Гардонда деҳ!»+
23 Кист дар миёни шумо, ки ба ин гӯш диҳад,
ва диққат намуда, барои замони оянда бишнавад?
24 Кист, ки Яъқубро ба яғмо, ва Исроилро
ба тороҷгарон супурдааст?
Оё Худованд набуд, ки пеши Ӯ мо гуноҳ кардаем?
Ва онҳо нахостанд бо роҳҳои Ӯ қадамгузор шаванд,
ва ба шариати Ӯ гӯш надоданд.
25 Ва Ӯ оташи хашми Худ
ва шиддати ҷангро бар онҳо рехт,
ва алангаи он аз ҳар тараф онҳоро иҳота намуд,
вале дарк накарданд;
ва онҳоро сӯзонид, вале диққат надоданд+.

## Қавми баргузида фидия дода гирифта шуд ва аз нав ба вуҷуд омад.

43 [1] Вале акнун Худованд, ки туро, эй Яъқуб, офардидааст,
ва туро, эй Исроил, ба вуҷуд овардааст,
чунин мегӯяд:
«Натарс, зеро ки Ман туро раҳонидаам,
туро ба исми ту хондаам; ту аз они Ман ҳастӣ+.
[2] Вақте ки аз обҳо бигзарӣ, Ман бо ту хоҳам буд,
ва аз наҳрҳо бигзарӣ, онҳо туро ғарқ нахоҳад кард;
вақте ки аз миёни оташ қадамгузор шавӣ,
нахоҳӣ сӯхт,
ва аланга туро нахоҳад сӯзонид,+
[3] Зеро ки Ман Худованд Худои ту,
Қуддуси Исроил, Наҷотдиҳандаи ту ҳастам;
Мисрро барои ту фидия додаам,
Ҳабаш ва Саборо — дар ивази ту+.
[4] Азбаски ту дар назари Ман азиз ва гаронбаҳо ҳастӣ,
ва Ман туро дӯст доштаам,
бинобар ин мардуми дигарро дар ивази ту,
ва қабилаҳоро дар бадали ҷони ту хоҳам дод.
[5] Натарс, зеро ки Ман бо ту ҳастам;
насли туро аз шарқ хоҳам овард,
ва туро аз ғарб ҷамъ хоҳам кард+.
[6] Ба шимол хоҳам гуфт: бидеҳ;
ва ба ҷануб: монеъ нашав;
писарони Маро аз дурдаст,
ва духтарони Маро аз ақсои замин биёр,
[7] Яъне ҳар киро, ки ба исми Ман номида шудааст,
ва Ман ӯро барои ҷалоли Худ офаридаам,
ӯро ба вуҷуд овардаам ва ӯро сохтаам».
[8] Қавмеро берун ор, ки кӯр ҳастанд,
гарчанде ки чашм доранд,
ва кар ҳастанд, гарчанде ки гӯш доранд+.
[9] Бигзор ҳамаи халқҳо бо ҳам фароҳам оянд,

ва қабилаҳо ҷамъ шаванд.
Кист аз миёни онҳо, ки инро баён намояд,
ва паёмҳои пешинаро ба мо бирасонад?
Бигзор шоҳидони худро биёранд, то ки худро
сафед кунанд,
ва ё он шоҳидон бишнаванд ва бигӯянд:
«Ҳақ асту рост!»+
10 «Аммо шумо, — мегӯяд Худованд, —
ва бандаи Ман, ки ӯро баргузидаам,
шоҳидони Ман мебошед, то шумо бидонед
ва ба Ман имон оваред
ва дарк намоед, ки ин Ман ҳастам,
ва пеш аз Ман Худое набуд,
ва баъд аз Ман нахоҳад буд+.
11 Ман, Ман Худованд ҳастам,
ва ғайр аз Ман Наҷотдиҳандае нест+.
12 Ман пешакӣ гуфтаам, ва наҷот додаам,
ва паём расонидаам,
ва дар миёни шумо Худои дигаре нест;
ва шумо шоҳидони Ман мебошед,
— мегӯяд Худованд, —
ва Ман Худо ҳастам!
13 Аз имрӯз низ Ман ҳамонам,
ва касе нест, ки аз дасти Ман раҳо кунад:
Ман амал хоҳам кард, ва кист, ки инро
ботил намояд?»+
14 Худованд, ки Раҳокунандаи шумо ва Қуддуси
Исроил аст, чунин мегӯяд:
«Ба хотири шумо Ман ба Бобил фиристодам,
ва ҳамаи онҳоро ҳамчун гурезаҳо фурӯд овардам,
ва калдониёнро дар киштиҳое ки мояи вачди онҳо буд.
15 Ман Худованд Қуддуси шумо ҳастам,
Офаринандаи Исроил ва Подшоҳи шумо».
16 Чунин мегӯяд Худованд,
ки Ӯ роҳе дар баҳр,
ва ҷоддае дар обҳои азим кушодааст;+

17 Аробаҳо ва аспон, лашкар ва қувватро
берун овардааст,
то ки якҷоя хобида, дигар нахезанд;
ва онҳо торафт беҳол гардида,
мисли пилтаи катонӣ хомӯш шуданд.
18 «Аммо вақоеи пешинаро ба хотир наоваред,
ва ба мӯъҷизоти қадимӣ диққат надиҳед.
19 Инак, Ман чизи наве месозам,
ки он алҳол ба зуҳур меояд.
Магар аз он воқиф нестед?
Ба яқин, роҳе дар бодия,
ва наҳрҳо дар биёбон ба вуҷуд хоҳам овард+.
20 Ҳайвоноти саҳро,
шағолон ва шутурмурғон Маро мадҳ хоҳанд кард,
зеро ки Ман об дар бодия,
ва наҳрҳо дар биёбон ба вуҷуд овардаам,
то ки қавми баргузидаи Худро сероб намоям,+
21 Ки ин қавмро Ман барои Худ ба миён овардаам,
то ҳамду санои Маро бихонанд.
22 Вале ту, эй Яъқуб, Маро нахондӣ,
ва ту, эй Исроил, аз ибодати Ман ба танг омадӣ:+
23 Барраҳои қурбонии сӯхтании худро барои Ман
наовардӣ,
ва бо забҳҳои худ Маро ҷалол надодӣ.
Ман туро бо ҳадияҳо ба заҳмат наандохтам,
ва бо лебӯно ба ту гаронӣ накардам.
24 Ту барои Ман ба нуқра наи атрогин нахаридӣ,
ва бо чарбуи забҳҳои худ Маро сер накардӣ,
балки бо хатоҳои худ Маро заҳмат додӣ,
ва бо гуноҳҳои худ ба Ман гаронӣ кардӣ+.
25 Ман, Ман ҳамонам, ки гуноҳҳои туро
ба хотири Худам маҳв менамоям,
ва хатоҳои туро ба ёд нахоҳам овард+.
26 Маро хотиррасон намо; бо ҳамдигар муҳокима
хоҳем кард;
далелҳои худро биёр, то ки сафед шавӣ+.

27 Падари аввалини ту гуноҳ кард,
ва шафоатгарони ту ба Ман осӣ шуданд+.
28 Бинобар ин Ман сарварони қудсро аз қудсият
маҳрум намудам,
ва Яъқубро ба ҳалокат, ва Исроилро ба таҳқир
маҳкум кардам».

## Ваъда дар бораи Рӯҳулқудс.

## Дар бораи беандешагии шарорат.

4 [1] «Вале акнун, эй бандаи Ман Яъқуб, бишнав,
ва эй Исроил, ки Ман туро баргузидаам+.
[2] Худованд, ки туро офаридааст,
ва туро аз батн ба вуҷуд овардааст,
ва туро ёварӣ медиҳад, чунин мегӯяд:
эй бандаи Ман Яъқуб, натарс,
ва эй Ешурун, ки туро баргузидаам.
[3] Зеро ки об бар ташна,
ва чашмаҳо бар хушкӣ хоҳам рехт;
рӯҳи Худро бар насли ту,
ва баракати Худро бар зурьёти ту хоҳам рехт+.
[4] Ва онҳо дар миёни алаф,
мисли дарахтони бед назди ҷӯйҳои об, хоҳанд сабзид.
[5] Яке хоҳад гуфт: „Ман аз они Худованд ҳастам“;
ва дигаре худро ба номи Яъқуб хоҳад хонд;
ва дигаре бо дасти худ хоҳад навишт:
„Аз они Худованд ҳастам“,
ва номи Исроилро лақаби худ хоҳад сохт».
[6] Худованд, ки Подшоҳи Исроил
ва Раҳокунандаи ӯст,
яъне Худованди лашкарҳо, чунин мегӯяд:
«Ман Аввалин ҳастам, ва Ман Охирин ҳастам,
ва ғайр аз Ман Худое нест+.
[7] Ва мисли Ман кист, ки паём диҳад,
ва онро баён намояд ва ба паёми Ман монанд созад,
аз замоне ки Ман қавми қадимиро ба вуҷуд овардаам?
Пас, бигзор он чиро, ки воқеъ мешавад,
ва он чиро, ки дар оянда фаро хоҳад расид,
ба онҳо эълон намоянд.
[8] Натарсед ва ҳаросон нашавед:
Ман, охир, ба шумо аз қадимулайём
эълон кардаам ва хабар додаам,

ва шумо шоҳидони Ман ҳастед.
Оё ғайр аз Ман Худое ҳаст?
Ва кӯҳпорае нест,
ки Ман аз он хабар надошта бошам»+.
[9] Онҳое ки санам месозанд, саросар ночизанд, ва чизҳои
писандидаи онҳо ҳеҷ фоида намебахшад, ва онҳо шоҳидони худашон
мебошанд: намебинанд ва намедонанд, то ки хиҷил шаванд+.
[10] Касе ки худое сохтааст ва санаме рехтааст, вай чӣ фоидае ба ӯ
мебахшад+?
[11] Охир, ҳамаи шарикони ӯ хиҷил хоҳанд шуд, чунки ин
ҳунармандон худашон аз байни одамонанд; бигзор ҳамаашон ҷамъ
омада, биистанд; онҳо ҳаросон гардида, якҷоя хиҷил хоҳанд шуд+.
[12] Оҳангар аз оҳан теша месозад, ва онро дар ахгар кор мекунад, ва
бо путкҳо сурате ба он мебахшад, ва бо қуввати бозуи худ онро ба
вуҷуд меоварад, дар ҳолате ки гурусна монда, беқувват мешавад, ва
об нанӯшида, бемаҷол мегардад.
[13] Наҷҷор бар чӯб ресмон кашида, бо қалам онро нишона мекунад,
бо ранда онро метарошад, ва бо паргор онро тарҳ мекашад, ва онро
мисли андоми инсон, мисли ҷамоли одамизод месозад, то ки он дар
хонае ҷойгир шавад.
[14] Арзҳоро ӯ барои худ мебуррад, ва чинор ва булутро мегирад:
онҳоро аз миёни дарахтони ҷангал барои худ хуш мекунад; дарахти
ғорро мешинонад, ва борон онро калон мекунад.
[15] Ва чӯби он барои инсон чун сӯзишворӣ кор меояд, ва ӯ аз он
гирифта, худро гарм мекунад, ва онро сӯзонида, нон мепазад; ва аз
ин чӯб худое сохта, онро парастиш менамояд: санаме ба вуҷуд
оварда, пеши он саҷда мекунад.
[16] Нисфи онро дар оташ месӯзонад, бо қисми дигараш гӯштро
кабоб мекунад, ва кабобро хӯрда, сер мешавад; ва гарм шуда, мегӯяд:
«Ваҳ, акнун гарм шудам, рӯи оташро дидам!»
[17] Ва аз бақияи ин чӯб худое, яъне санаме барои худ месозад, пеши
он саҷда менамояд, ва онро мепарастад, ва назди он дуо хонда,
мегӯяд: «Маро наҷот деҳ, зеро ки ту худои ман ҳастӣ».
[18] Онҳо намедонанд ва намефаҳманд, зеро чашмҳошон баста
шудааст, то ки набинанд, ва дилҳошон — то ки дарк накунанд+.

[19] Ва ӯ ба дили худ намегузаронад, ва донишу хираде надорад, ки
бигӯяд: «Як қисми онро дар оташ сӯзонидам, ва бар ахгари он нон
пухтам, ва гӯштро кабоб карда хӯрдам; оё аз бақияи он як чизи зиште
ба вуҷуд оварам? Оё ба ғӯлачӯбе саҷда намоям?»
[20] Ӯ бод мепаймояд: дили гумроҳаш ӯро дар иштибоҳ меандозад,
ва ӯ наметавонад ҷони худро раҳо карда, бигӯяд: «Оё он чи дар дасти
рости ман аст, дурӯғ нест?»+
[21] Инҳоро дар хотир нигоҳ дор, эй Яъқуб
ва эй Исроил, зеро ки ту бандаи Ман ҳастӣ;
Ман туро ба вуҷуд овардаам; ту бандаи Ман ҳастӣ,
эй Исроил,
ту аз хотири Ман фаромӯш нахоҳӣ шуд+.
[22] Гуноҳҳои туро мисли абр,
ва хатоҳои туро мисли шаҳоб маҳв кардаам;
ба Ман руҷӯъ намо, зеро ки Ман туро раҳонидаам+.
[23] Тараннум намо, эй афлок, зеро ки Худованд
инро ба амал овардааст.
Нидо кунед, эй умқҳои замин,
бо шодӣ овоз баланд кунед, эй кӯҳҳо
ва ҷангалҳо ва ҳар дарахте ки дар онҳо бошад,
зеро ки Худованд Яъқубро раҳонидааст,
ва дар Исроил ҷалол хоҳад ёфт+.
[24] Худованд, ки Раҳокунандаи туст,
ва туро аз батн ба вуҷуд овардааст, чунин мегӯяд:
«Ман Худованд ҳастам, ки ҳама чизро ба амал овардаам,
афлокро ба танҳоӣ паҳн кардаам, заминро густурдаам;
кист, ки он вақт бо Ман бошад?»+
[25] Ӯ аломатҳои козибонро ботил менамояд
ва соҳиронро аз ақл бегона мекунад,
ҳакимонро қафо мегардонад
ва дониши онҳоро ба ҳамоқат табдил медиҳад;+
[26] Ӯ каломи бандаи Худро ба амал меоварад
ва машварати элчиёни Худро ба иҷро мерасонад;
Ӯ дар бораи Ерусалим мегӯяд:
«Маскан хоҳад шуд!»
ва дар бораи шаҳрҳои Яҳудо:

«Онҳо бино хоҳад шуд,
ва харобаҳои онро аз нав барқарор хоҳам кард!»+
27 Ӯ ба варта мегӯяд: «Хушк шав,
ва наҳрҳои туро хушк хоҳам кард!»+

## Нубувват дар бораи Куруш ва дар бораи он ки Эзро ва Наҳемьё салтанатро аз нав баркарор мекунанд.

28 Ӯ дар бораи Куруш мегӯяд: «Вай чӯпони Ман аст,
ва ҳар он чиро хостаам, ба иҷро хоҳад расонид».
Ва дар бораи Ерусалим мегӯяд: «Бино хоҳад шуд!»
ва дар бораи маъбад: «Буньёди ту ниҳода хоҳад шуд!»+

## Давоми нубуввват.

5 [1] Худованд ба масеҳи Худ, ба Куруш,
чунин мегӯяд:
«Ман дасти рости туро гирифтаам,
то халқҳоро пеши ту мағлуб намоям,
ва Ман камарҳои подшоҳонро хоҳам кушод,
то ки дарҳо пеши ту кушода шавад,
ва дарвозаҳо баста нашавад+.
[2] Ман пешопеши ту хоҳам рафт ва ноҳамвориҳоро
ҳамвор хоҳам кард,
дарҳои мисинро пора-пора хоҳам кард
ва ғалақаҳои оҳанинро хоҳам шикаст+.
[3] Ва хазинаҳои зулмот
ва ганҷҳои ниҳониро ба ту хоҳам дод,
то бидонӣ, ки Ман — Худованде ки туро
ба номи ту хондаам,
Худои Исроил ҳастам+.
[4] Ба хотири бандаи Худ Яъқуб
ва баргузидаи Худ Исроил
туро ба номат хондам
ва мӯҳтарам доштам,
гарчанде ки ту Маро намешинохтӣ+.

## Худованд ба Исроил хотиррасон менамояд, ки наҷот танҳо дар Ӯст.

[5] Ман Худованд ҳастам, ва дигаре нест;
ғайр аз Ман Худое нест;
Ман камари туро бастаам, гарчанде ки ту
Маро намешинохтӣ,+
[6] То ки аз тулӯи офтоб ва аз ғуруби он бидонанд,
ки ҷуз аз Ман нест:
Ман Худованд ҳастам, ва дигаре нест+.
[7] Ман рӯшноиро ба вуҷуд меоварам
ва зулмотро меофарам,
сулҳу осоиштагӣ барқарор менамоям

ва мусибатҳоро ба вуҷуд меоварам;
Ман — Худованд ҳамаи инҳоро ба амал меоварам+.
8 Эй афлок! Аз боло биборон,
то ки абрҳо адлу инсофро фурӯ резад.
Бигзор замин рӯи худро бикшояд,
то ки наҷотро ба миён оварад,
ва адлу инсоф бо он нумӯ кунад.
Ман — Худованд инро офаридаам».
9 Эй вой бар касе ки бо Офаринандаи худ
мунокиша мекунад,
дар сурате ки худаш сафолпорае
аз сафолпораҳои рӯи замин аст!
Оё гил ба кӯзагар мегӯяд: «Чӣ чизе сохтаӣ?»
Ва ё маснӯи ту мегӯяд: «Ӯ дасти моҳир надорад!»+
10 Эй вой бар касе ки ба падари худ гӯяд:
«Чаро ту маро ба дунъё овардаӣ?»
Ва ба модари худ: «Чаро ту маро зоидаӣ?»
11 Худованд, ки Қуддуси Исроил
ва Офаринандаи вай аст, чунин мегӯяд:
«Оё шумо дар бораи ояндаи писарони Ман
ба Ман савол медиҳед,
ва дар бораи амали дастҳои Ман Маро амр
мефармоед?
12 Ман заминро ба вуҷуд овардаам, ва инсонро
бар он офаридаам;
дастҳои Ман афлокро паҳн кардааст,
ва ҳамаи лашкарҳои онро Ман амр фармудаам+.
13 Ман ӯро барои адолат барангехтаам,
ва ҳамаи роҳҳояшро ҳамвор хоҳам кард.
Ӯ шаҳри Маро бино хоҳад кард, ва матрудони Маро
хоҳад фиристод,
лекин на дар ивази фидия
ва на дар ивази инъомҳо», — мегӯяд Худованди
лашкарҳо+.
14 Худованд чунин мегӯяд:
«Сарвати Миср, ва тиҷорати Ҳабаш,

ва аҳли Сабо, ки мардуми баландқоматанд,
аз ҳудуди ту хоҳанд гузашт ва аз они ту хоҳанд шуд:
онҳо аз паи ту хоҳанд рафт, дар занҷирҳо
хоҳанд гузашт,
ва пеши ту саҷда намуда,
бо дуо ба ту хоҳанд гуфт:
„Худо фақат дар туст,
ва ғайр аз Ӯ Худои дигаре нест“»+.
15 Ба яқин, Ту Худои мастур ҳастӣ,
эй Худои Исроил, эй Наҷотдиҳанда!
16 Ҳамаи ҳунармандони санамсоз хиҷил ва расво
хоҳанд шуд;
онҳо якҷоя ба расвоӣ хоҳанд рафт+.
17 Аммо Исроил дар Худованд наҷот хоҳад ёфт,
ки наҷоти ҷовидонӣ хоҳад буд;
шумо то абад хиҷил
ва расво нахоҳед шуд,+
18 Зеро Худованде ки афлокро офаридааст,
чунин мегӯяд;
Ӯ Худоест, ки заминро ба вуҷуд овардааст
ва сохтааст;
Ӯ онро барқарор намудааст; онро на аз барои
он офаридааст, ки бодияе бошад,
балки аз барои он ба вуҷуд овардааст,
ки маскун бошад.
«Ман Худованд ҳастам, ва дигаре нест.
19 Ба таври ниҳонӣ,
дар макони тираи замин сухан нарондаам;
ба насли Яъқуб нагуфтаам:
„Маро беҳуда биҷӯед“;
Ман Худованди ҳақгӯй ҳастам,
ки чизҳои ростро баён мекунам+.
20 Ҷамъ шуда биёед,
ва бо ҳам наздик шавед, эй растагорони халқҳо!
Онҳое ки санами чӯбини худро бардошта мегарданд,
ва пеши худое ки наметавонад наҷот диҳад,

дуо мегӯянд, нодон ҳастанд+.
21 Бигӯед, ва пешниҳод кунед,
ва бо ҳам машварат намоед:
кист, ки инро аз қадимулайём эълон намуда,
аз он замон пешакӣ гуфтааст?
Оё на Ман, ки Худованд ҳастам?
Ва ғайр аз Ман Худои дигаре нест, —
Худои одил ва наҷотдиҳандае
ҷуз аз Ман нест+.
22 Ба Ман руҷӯъ намоед ва наҷот хоҳед ёфт,
эй тамоми ақсои замин!
Зеро ки Ман Худо ҳастам, ва дигаре нест.
23 Ба Зоти Худ қасам хӯрдаам:
„Аз даҳони Ман ростӣ, каломи барнагаштанӣ
берун омадааст,
ки пеши Ман ҳар зонуе хам хоҳад шуд,
ва ҳар забоне ба исми Ман қасам хоҳад хӯрд,+
24 Ва ҳар кас хоҳад гуфт: адолат ва қудрат
барои ман фақат дар Худованд аст“».
Ҳаман онҳое ки бар Ӯ ғазаб доштанд,
сӯи Ӯ хоҳанд омад ва хиҷил хоҳанд шуд.
25 Тамоми насли Исроил дар Худованд
сафед хоҳанд шуд ва ҷалол хоҳанд ёфт.

## Панд ба Исроил дар бораи он ки қодир будани Худованд ва ноҷиз будани бутҳоро дар хотир нигоҳ доранд.

# 6

[1] Бил фурӯ ғалтидааст, Набӯ сари таслим овардааст,
бутҳои онҳо бар ҳайвонот ва чорпо бор карда шудааст:
он чизҳое ки шумо бардор-бардор мекардед,
барои ҳайвоноти лакот бори гароне гардидааст+.
[2] Онҳо якҷоя фурӯ ғалтида, сари таслим овардаанд,
он борро натавонистаанд раҳо кунанд,
балки худашон низ ба асирӣ рафтаанд+.
[3] «Маро бишнавед, эй хонадони Яъқуб,
ва эй тамоми бақияи хонадони Исроил,
ки аз батн шуморо бар Худ бор кардаам,
ва аз раҳим шуморо бардоштаам,+
[4] Ва то пирии шумо Ман ҳамон ҳастам,
ва то мӯйсафедии шумо Ман шуморо хоҳам бардошт:
Ман шуморо ба вуҷуд овардаам,
ва Ман бар Худ бор хоҳам кард,
ва Ман хоҳам бардошт ва хоҳам раҳонид+.
[5] Маро ба кӣ монанд мекунед ва баробар медонед,
ва Маро ба кӣ мисол мезанед,
то ки монандӣ дошта бошам+?
[6] Тиллоро аз ҳамьён мерезанд,
ва нуқраро бо тарозу бармекашанд;
заргареро киро мекунанд, то ки худое аз он бисозад;
пеши он саҷда мекунанд ва онро мепарастанд+.
[7] Онро бар китфи худ бардошта мебаранд,
ва дар маконаш мегузоранд,
ва он меистад ва аз ҷояш намеҷунбад;
пеши он доду фарьёд мекунанд,
вале ҷавоб намедиҳад,
онҳоро аз мусибаташон раҳо намекунад+.
[8] Инро ба ёд оваред ва худро даст гиред;
инро, эй осиён, ба дили худ гузаронед!
[9] Паёмҳои пешинаро аз замони қадим ба ёд оваред,
зеро ки Ман Худо ҳастам, ва Худои дигаре нест,

ва амсоли Ман нест.
10 Оқибатро аз ибтидо, ва он чиро,
ки ҳанӯз рӯй надодааст, аз қадим баён менамоям;
Ман мегӯям: „Иродаи Ман иҷро хоҳад шуд,
ва ҳар он чиро, ки хостаам, ба ҷо хоҳам овард“+.
11 Уқоберо аз шарқ,
иҷрокунандаи қарори Худро аз кишвари дурдаст
хондаам;
он чи гуфтаам, яқинан ба амал хоҳам овард;
он чи пешбинӣ намудаам, яқинан иҷро хоҳам кард+.
12 Маро бишнавед, эй сахтдилон,
ки аз адолат дур шудаед!
13 Ман адолати Худро наздик овардаам, ва он дур нест,
ва наҷоти Ман таъхир нахоҳад кард;
ва наҷотро дар Сион барои Исроил,
ки шукӯҳи Ман аст, хоҳам бахшид»+.

## Доварӣ бар Бобил.

**7** 1 Фурӯд омада, бар хок бинишин,
эй духтари бокираи Бобил! Бе курсӣ,
бар замин бинишин,
эй духтари калдониён!
Зеро ки дигар туро нозанин ва латиф нахоҳанд хонд+.
2 Дастосро гирифта, ордро ос кун;
ҳиҷобатро бикаш, доманатро бардор
ва соққоятро бараҳна карда, аз наҳрҳо убур намо+.
3 Аврати ту ошкор хоҳад шуд,
нанги ту низ намудор хоҳад гардид.
Ман интиқом хоҳам гирифт,
ва касеро рӯихотир нахоҳам кард+.
4 Раҳокунандаи мо — исми Ӯ Худованди лашкарҳо,
Қуддуси Исроил аст.
5 Хомӯш бинишин ва ба зулмот бирав,
эй духтари калдониён!
Зеро ки дигар туро хотуни мамлакатҳо
нахоҳанд хонд.
6 Ман бар қавми Худ хашм гирифтам,
мероси Худро хор доштам,
ва онҳоро ба дасти ту супурдам, —
аммо ту ба онҳо раҳм накардӣ,
юғи худро бар пирон бағоят гарон кардӣ+.
7 Ва ту гуфтӣ: «То абад хотун хоҳам буд»,
то ба дараҷае ки ба ҳамаи ин чизҳо диққат надодӣ,
ва оқибати корро ба хотир наовардӣ+.
8 Ва акнун инро бишнав, эй нозпарвард,
ки бепарво нишастаӣ
ва дар дили худ мегӯӣ:
«Ман ҳастам, ва ғайр аз ман дигаре нест!
Ман бева нахоҳам шуд,
ва талафоти фарзандонро нахоҳам дид»+.
9 Вале ин ду чиз — талафоти фарзандон ва бевагӣ —
баногоҳ дар як рӯз ба сари ту хоҳад омад:

сарфи назар аз фаровонии ҷодуҳоят
ва қуввати бузурги афсунҳоят,
онҳо ба андозаи комил бар ту фурӯд хоҳад омад.
10 Ва ҳол он ки ту ба шарорати худ умед баста, гуфтӣ:
«Касе нест, ки маро бинад».
Ҳикматат ва донишат туро гумроҳ кард,
ва ту дар дили худ гуфтӣ:
«Ман ҳастам, ва ғайр аз ман дигаре нест!»
11 Ва мусибате ба сари ту хоҳад омад,
ки дафъи онро нахоҳӣ донист;
ва фалокате бар ту фурӯд хоҳад омад,
ки ба пешгирии он қодир нахоҳӣ буд;
ва ҳалокате ногаҳон ба сари ту хоҳад омад,
ки илоҷи онро нахоҳӣ донист+.
12 Пас, дар афсунҳои худ
ва дар фаровонии ҷодуҳои худ,
ки барои онҳо аз ҷавонии худ ҷидду ҷаҳд
намудаӣ, қоим бош:
шояд, манфиате тавонӣ дид;
шояд, истодагӣ тавонӣ кард.
13 Аз фаровонии мушовирони худ лакот шудаӣ;
бигзор расадбандони афлок, ситорашиносон
ва онҳое ки ба ҳасби ҳилолҳо
пешгӯӣ мекунанд,
бархоста, туро аз он чи ба сарат хоҳад омад,
наҷот диҳанд.
14 Инак, онҳо мисли коҳрезаанд:
оташ онҳоро хоҳад сӯзонид;
онҳо ҷони худро аз аланга натавонанд раҳонид;
на ахгаре боқӣ хоҳад монд, ки гарм шаванд,
на оташе ки пеши он нишинанд+.
15 Онҳое ки барояшон ҷидду ҷаҳд намудаӣ,
барои ту чунин хоҳанд буд,
ва онҳое ки аз ҷавонии ту дар гирду пешат
мегаштанд,
ҳар яке ба худ саргардон хоҳанд шуд,

ва касе нахоҳад буд, ки туро наҷот диҳад.

## Наҷоти Исроил ба воситаи Бандаи Муқаддаси Худо хоҳад омад.

8 [1] Инро бишнавед, эй хонадони Яъқуб,
ки ба номи Исроил хонда мешавед,
ва аз чашмаи Яҳудо ба вуҷуд омадаед,
ва ба исми Худованд қасам мехӯред,
ва Худои Исроилро зикр мекунед,
лекин на аз рӯи ростӣ ва на аз сидқи дил+.
[2] Зеро онҳо, ки худро аз фуқарои шаҳри
муқаддас мехонанд,
бар Худои Исроил эътимод менамоянд;
исми Ӯ Худованди лашкарҳост.
[3] «Вақоеи пешинаро Ман аз қадим эълон намудаам,
ва аз даҳони Ман баромадааст, ва Ман онҳоро
баён кардаам,
ногаҳон ба амал овардаам, ва иҷро шудааст+.
[4] Азбаски Ман медонистам, ки ту сахтдил ҳастӣ,
ва рагу паи гарданат оҳанин,
ва пешониат мисин аст,+
[5] Бинобар ин ба ту аз қадим эълон намудаам,
пеш аз вуқӯъ туро хабардор кардаам,
ки мабодо бигӯӣ: „Бути ман инро ба амал овардааст,
ва санами ман ва ҳайкали рехтаи ман инро амр
фармудааст“+.
[6] Он чи шунидаӣ, ба ҳамааш назар андоз;
шумо, охир, инро метавонед тасдиқ кунед.
Аз ҳоло низ чизҳои тозаро ба ту эълон намудаам,
ва чизҳои ниҳониеро, ки ту намедонистӣ+.
[7] Ҳоло, ва на аз қадим, ин чизҳо офарида шудааст,
ва ту дирӯз онҳоро нашнидаӣ,
ки мабодо бигӯӣ: „Инак, онҳоро медонистам“.
[8] Ҳам нашнидаӣ, ҳам надонистаӣ,
ва ҳам гӯши ту он вақт воз набуд;
зеро Ман медонистам, ки ту бисьёр хиёнаткор ҳастӣ,

ва аз батн осӣ номида шудаӣ.
9 Ба хотири исми Худ ғазабамро нигоҳ медорам,
ва барои ҷалоли Худ ба нафъи ту худдорӣ менамоям,
то ки туро нобуд накунам.
10 Инак, Ман туро гудохтаам, вале на дар бӯтаи нуқра:
туро дар кӯраи азиятҳо имтиҳон намудаам+.
11 Ба хотири Худам, ба хотири Худам ин корро
хоҳам кард,
зеро ки чаро исми Ман хор шавад?
Ва ҷалоли Худро ба дигаре нахоҳам дод+.
12 Маро бишнав, эй Яъқуб,
ва эй Исроили даъватшудаи Ман!
Ман ҳамон ҳастам, Ман аввалин ҳастам,
ва Ман охирин ҳастам+.
13 Дасти Ман заминро буньёд кардааст,
ва ямини Ман афлокро густурдааст;
чун онҳоро даъват намоям, якҷоя хоҳанд истод+.
14 Ҳамаатон ҷамъ шавед ва бишнавед:
кист аз миёни бутҳо, ки ин вақоеъро пешгӯӣ
карда бошад?
Худованд варо дӯст доштааст, — вай иродаи Ӯро
дар Бобил ба ҷо хоҳад овард,
ва бозуи Ӯро бар калдониён зоҳир хоҳад кард+.
15 Ман, Ман гуфтаам, ва ӯро даъват намудаам:
ӯро овардаам, ва ӯ дар роҳи худ муваффақият
хоҳад ёфт+.
16 Ба Ман наздик омада, инро бишнавед:
аз ибтидо ҳам Ман ба таври ниҳонӣ сухан нарондаам;
аз замоне ки ин ба вуқӯъ меояд, Ман дар он ҷо
ҳастам».
Ва алҳол Худованд Худо Маро фиристодааст,
ва Рӯҳи Ӯ бар Ман аст+.
17 Худованд, ки Раҳокунандаи ту ва Қуддуси
Исроил аст, чунин мегӯяд:
«Ман Худованд Худои ту ҳастам ва туро
таълим медиҳам, ки ба худат фоида бирасонӣ,

ва туро ба роҳе ҳидоят менамоям,
ки бояд бо он биравӣ.
18 Кошки ба аҳкоми Ман гӯш медодӣ!
Он гоҳ осоиштагии ту мисли наҳр,
ва адолати ту мисли мавҷҳои баҳр мебуд,+
19 Ва насли ту мисли рег,
ва зурьёти камари ту мисли зарраҳои он мебуд:
номи вай аз ҳузури Ман маҳв ва нобуд намешуд»+.
20 Аз Бобил берун оед, аз миёни калдониён
шитобон биравед;
инро бо овози тараннум хабар диҳед ва эълон намоед;
то ақсои замин инро интишор кунед;
бигӯед: «Худованд бандаи Худ Яъқубро раҳо кард!»+
21 Ва онҳо ташнагӣ накашиданд, гарчанде ки Ӯ
онҳоро бо роҳҳои харобазор бурд;
аз кӯҳпора барои онҳо об баровард:
кӯҳпорараро шикоф кард, ва об ҷорӣ шуд+.
22 «Барои шарирон осоиштагӣ нахоҳад буд», —
мегӯяд Худованд.

## Қуддус Раҳокунандаи Исроил хоҳад буд.

9 1 Маро бишнавед, эй ҷазираҳо,
ва гӯш андозед, эй қабилаҳои дурдаст!
Худованд Маро аз батн даъват намудааст,
аз амъои модарам исми Маро зикр кардааст+.
2 Ва даҳони Маро мисли шамшери тез сохтааст,
Маро ба зери сояи дасти Худ паноҳ кардааст,
ва Маро тири суфтае гардонида,
дар тиркаши Худ пинҳон доштааст,+
3 Ва ба Ман гуфтааст: «Ту бандаи Ман ҳастӣ,
эй Исроил,
ки ба василаи Ту Ман ҷалол хоҳам ёфт»+.
4 Ва Ман гуфтам: «Бар абас Ман заҳмат кашидаам,
қуввати Худро беҳуда ва бесамар сарф намудаам.
Аммо ҳаққи Ман бо Худованд аст,
ва музди Ман бо Худои Ман аст».
5 Ва алҳол Худованд, ки Маро аз батн
барои бандагии Худ офаридааст, мегӯяд,
ки Яъқубро сӯи Ӯ баргардонам, ва Исроил
назди Ӯ ҷамъ шаванд;
ва Ман дар назари Худованд мӯҳтарам хоҳам шуд,
ва Худои Ман қуввати Ман хоҳад буд.
6 Ва Ӯ мегӯяд: «Азбаски Ту бандаи Ман хоҳӣ буд,
чизи саҳл аст, ки сибтҳои Яъқубро
аз нав барқарор намоям
ва бақияҳои Исроилро баргардонам,
балки ҳамчунин Туро нури халқҳо хоҳам гардонид,
то ки наҷоти Ман то ақсои замин бирасад»+.
7 Худованд, ки Раҳокунандаи Исроил ва Қуддуси ӯст,
ба нафратзадаи мардум,
ба макраҳаи халқҳо,
ба бандаи ҳокимон чунин мегӯяд:
«Подшоҳон дида, ба по хоҳанд хест,
мирон саҷда хоҳанд кард,
ба хотири Худованд, ки амин аст, ба хотири

Қуддуси Исроил, ки Туро баргузидааст»+.
8 Худованд чунин мегӯяд: «Дар ҳини марҳамат
Туро иҷобат намудаам,
ва дар рӯзи наҷот Туро ёварӣ додаам,
ва Туро нигаҳбонӣ хоҳам кард, ва Туро
қавми аҳд хоҳам гардонид,
то ки заминро аз нав барқарор намоям
ва меросҳои валангоршударо ба ворисон
баргардонам,+
9 Ва ба бандиён бигӯям: „Берун оед“!
Ва ба онҳое ки дар зулмотанд: „Пеши нур биёед!“
Онҳо дар роҳҳо хоҳанд чаронид,
ва бар ҳар теппа чарогоҳи онҳо хоҳад буд+.
10 Гурусна ва ташна нахоҳанд монд,
ва гармо ва офтоб онҳоро нахоҳад сӯзонид,
зеро ки Раҳмхӯрашон онҳоро ҳидоят хоҳад намуд,
ва назди чашмаҳои об онҳоро хоҳад бурд+.
11 Ва ҳамаи кӯҳҳои Худро ба роҳ мубаддал
хоҳам намуд,
ва ҳамаи ҷоддаҳои Ман баланд хоҳад шуд.
12 Инак баъзе аз ҷои дурдаст хоҳанд омад,
ва инак баъзе аз шимол ва аз ғарб,
ва баъзе аз замини Синим»+.
13 Шодӣ намо, эй афлок, ба ваҷд ой, эй замин,
ва овози хурсандӣ бароред, эй кӯҳҳо!
Зеро ки Худованд қавми Худро тасаллӣ медиҳад,
ва ба ситамдидагони Худ раҳм мекунад+.
14 Вале Сион мегӯяд: «Худованд маро тарк намудааст,
ва Худо маро фаромӯш кардааст»+.
15 «Оё зан бачаи ширмаки худро фаромӯш карда,
ба писари батни худ раҳмаш намеояд?
Ва инҳо фаромӯш кунанд ҳам, Ман туро
фаромӯш нахоҳам кард+.
16 Инак, Ман туро бар кафи дастҳои Худ
нақш кашидаам;
ҳисорҳои ту доим пеши назари Ман аст.

17 Писарони ту шитобон хоҳанд омад;
онҳое ки туро вайрон ва хароб кардаанд,
аз ту берун хоҳанд рафт.
18 Чашмони худро ба ҳар ҷониб баланд намуда, бингар:
ҳамаашон ҷамъ шуда, сӯи ту меоянд.
Ба ҳаётам қасам, — мегӯяд Худованд, —
ки ту ҳамаи онҳоро мисли зеваре дар бар хоҳӣ кард,
ва мисли арӯс худро бо онҳо оро хоҳӣ дод,+
19 Зеро ки вайронаҳои ту, ва харобаҳои ту,
ва замини валангори ту обод гардида,
ҳоло ту аз бисьёрии сокинон танг хоҳӣ шуд,
ва маҳвкунандагонат аз ту дур хоҳанд гардид+.
20 Боз писаронат, ки дар ғурбат ба дуньё омадаанд,
ба самъи ту ба якдигар хоҳанд гуфт:
„Ин макон барои ман танг аст;
дуртар бирав, то ки ман ҷойгир шавам“+.
21 Ва ту дар дили худ хоҳӣ гуфт: „Кист,
ки инҳоро барои ман зоидааст?
Ва ҳол он ки ман фарзандгумкарда ва нозой,
ҷалои ватан ва ғариб будам;
пас кист, ки инҳоро ба воя расонидааст?
Ман, охир, танҳо монда будам;
пас инҳо куҷо буданд?“»

## Доварӣ бар ситамгарони Исроил.

22 Худованд Худо чунин мегӯяд:
«Инак, дасти Худро сӯи халқҳо баланд хоҳам кард,
ва ливои Худро сӯи қавмон хоҳам барафрошт,
ва онҳо писаронатро дар оғӯши худ хоҳанд овард,
ва духтаронат бар китфи онҳо бардошта хоҳанд шуд+.
23 Ва подшоҳон мураббиёни ту,
ва маликаҳошон дояҳои ту хоҳанд буд;
рӯй бар замин ниҳода, ба ту саҷда хоҳанд кард,
ва хоки пои туро хоҳанд лесид;
ва ту хоҳӣ донист, ки Ман Худованд ҳастам,
ва умедворони Ман хиҷил нахоҳанд шуд»+.

24 Оё мумкин аст, ки аз дасти зӯровар
ғанимати вай гирифта шавад?
Ва асирон аз дасти ситамгар халосӣ ёбанд+?
25 Аммо Худованд чунин мегӯяд:
«Асирон низ аз дасти зӯровар гирифта хоҳанд шуд,
ва ғанимати ситамгар халосӣ хоҳад ёфт;
чунки Ман бо душманонат хоҳам ҷангид,
ва Ман писаронатро наҷот хоҳам дод;+
26 Ва ба онҳое ки бар ту ситам мекунанд,
гӯшти худашонро хоҳам хӯронид,
ва онҳо аз хуни худ чун аз шароб маст хоҳанд шуд;
ва ҳар башар хоҳад донист, ки Ман —
Худованд Наҷотдиҳандаи ту
ва Раҳокунандаи ту, Неруманди Яъқуб ҳастам»+.

## Ба залолат афтодани Қуддуси Худо.

0

1 Худованд чунин мегӯяд:
«Талоқномаи модаратон,
ки Ман бо он ӯро рондаам, куҷост?
Ё кист аз қарзхоҳони Ман, ки шуморо ба вай
фурӯхтаам?
Шумо, охир, ба сабаби гуноҳҳои худ фурӯхта шудаед,
ва модаратон ба сабаби ҷиноятҳои шумо
ронда шудааст+.
2 Чаро, вақте ки Ман омадам, касе набуд?
Вақте ки Ман нидо кардам, касе ҷавоб надод?
Оё дасти Ман аз раҳо кардан кӯтоҳ шудааст?
Ва оё дар Ман қуввате нест, ки халосӣ диҳам?
Бо итоби Худ, охир, Ман баҳрро хушк мекунам,
наҳрҳоро ба биёбон табдил медиҳам,
ба тавре ки моҳии онҳо аз беобӣ бӯй мегирад
ва аз ташнагӣ мемирад+.
3 Ман осмонро кисвати сӯгворӣ мепӯшонам,
ва палосро пардаи он мегардонам»+.
4 Худованд Худо забони донишҷӯёнро ба Ман додааст,
то ки тавонам бемачолеро бо калом дастгирӣ намоям;
Ӯ субҳ ба субҳ бедор мекунад,
гӯши Маро бедор мекунад,
то ки мисли донишҷӯён бишнавам+.
5 Худованд Худо гӯши Маро кушодааст,
ва Ман муқобилат накардаам,
ақиб нагаштаам.
6 Ман тахтапуштамро ба зарбазанҳо,
ва рухсорамро ба ришканҳо додаам;
рӯямро аз хориҳо ва туфкуниҳо пинҳон накардаам+.
7 Ва Худованд Худо ба Ман ёварӣ мекунад;
бинобар ин Ман хиҷолат намекашам;
бинобар ин Ман рӯи Худро
мисли санги чақмоқ нигоҳ медорам,
ва медонам, ки хиҷил нахоҳам шуд+.

8 Сафедкунандаи Ман наздик аст.
Кист, ки тавонад бо Ман мубоҳиса намояд?
Якҷоя биистем!
Кист, ки тавонад ба Ман даъво кунад?
Бигзор наздик ояд!+
9 Худованд Худо, охир, ба Ман ёварӣ мекунад.
Кист, ки тавонад Маро айбдор кунад?
Ҳамаи онҳо, охир, мисли ҷомае ҷиғда-ҷиғда
хоҳанд шуд:
онҳоро куя хоҳад зад+.
10 Кист аз шумо, ки аз Худованд метарсад
ва ба овози Бандаи Ӯ гӯш медиҳад?
Ҳар касе ки дар торикӣ қадамгузор буда,
рӯшноӣ надошта бошад,
бигзор ба исми Худованд таваккал намояд
ва ба Худои худ такья кунад.
11 Инак ҳамаи шумо, ки оташ меафрӯзед,
ва шарораҳо мепошед, дар алангаи оташи худ
ва дар шарораҳое ки барафрӯхтаед,
қадамгузор бошед!
Ин барои шумо аз дасти Ман аст:
дар андӯҳ хоҳед хобид.

## Наҷоти ояндаи Исроил.

1 [1] «Маро бишнавед, эй муштоқони адлу инсоф,
эй толибони Худованд!
Ба сахрае ки аз он канда шудаед,
ва ба умқи ҳафрае ки аз он берун оварда шудаед,
назар андозед.
[2] Ба падаратон Иброҳим,
ва ба Соро, ки шуморо зоидааст, назар андозед;
зеро вақте ки Ман ӯро даъват намудам,
ӯ як нафар буд,
ва ӯро баракат додам, ва ӯро афзун гардонидам+.
[3] Ба яқин, Худованд Сионро тасаллӣ хоҳад дод,
тамоми харобазори онро тасаллӣ хоҳад дод,
ва биёбони онро мисли Адан,
ва саҳрои онро мисли боғи Худованд хоҳад гардонид;
шодӣ ва хурсандӣ,
шукрона ва овози суруд дар он шунида хоҳад шуд+.
[4] Эй қавми Ман, ба Ман диққат намоед,
ва эй қабилаи Ман, ба Ман гӯш диҳед!
Зеро ки шариат аз ҷониби Ман хоҳад баромад,
ва Ман инсофи Худро мисли нуре бар қавмон
хоҳам пошид+.
[5] Адолати Ман наздик аст, наҷоти Ман зоҳир шудааст,
бозуҳои Ман қавмонро доварӣ хоҳад намуд;
ҷазираҳо ба Ман умедвор шуда,
ба бозуи Ман таваккал хоҳанд кард+.
[6] Чашмони худро сӯи осмон баланд кунед,
ва ба поён, сӯи замин назар андозед,
зеро ки осмон мисли дуд пароканда хоҳад гардид,
ва замин мисли ҷомае ҷиғда-ҷиғда хоҳад шуд,
ва сокинонаш низ хоҳанд мурд,
валекин наҷоти Ман то абад боқӣ хоҳад монд,
ва адолати Ман хотима нахоҳад ёфт+.
[7] Маро бишнавед, эй адолатшиносон,
эй қавме ки шариати Ман дар дили шумост!

Аз мазаммати мардум натарсед,
ва аз таҳқири онҳо наҳаросед,+
8 Зеро ки онҳоро мисли либосе куя хоҳад зад,
ва кирм онҳоро мисли пашме хоҳад хӯрд,
валекин адолати Ман то абад,
ва наҷоти Ман ба таври доимӣ боқӣ хоҳад монд»+.
9 Бедор шав, эй бозуи Худованд, бедор шав,
ва ҷомаи қудратро дар бар кун!
Мисли айёми қадим ва даврҳои дерин бедор шав!
Оё ту ҳамон нестӣ, ки Раҳаброро куштаӣ,
ва наҳангро нобуд кардаӣ+?
10 Оё ту ҳамон нестӣ,
ки баҳр ва обҳои вартаи азимро хушк кардаӣ,
ва умқҳои баҳрро ба роҳе табдил додаӣ,
то ки растагорон убур намоянд+?
11 Ва растагорони Худованд баргашта,
бо тараннум ба Сион хоҳанд омад,
ва хурсандии абадӣ бар сари онҳо хоҳад буд;
онҳо ба шодӣ ва хурсандӣ ноил хоҳанд гардид,
ва андӯҳу фиғон нест хоҳад шуд+.
12 «Ман, Ман Тасаллидиҳандаи шумо ҳастам.
Ту кистӣ, ки аз инсони миранда метарсӣ,
ва аз писари одам, ки мисли гиёҳ аст+?
13 Ва ту Худовандро, ки Офаринандаи туст,
ва Ӯ осмонро густурдааст
ва заминро буньёд кардааст, фаромӯш мекунӣ,
ва ҳамеша, ҳар рӯз аз хашми ситамгар,
вақте ки вай барои нобуд кардан омода мегардад,
ҳаросон мешавӣ.
Вале хашми ситамгар куҷост+?

14 Ба зудӣ бандӣ раҳо хоҳад шуд, ва андаруни чоҳ нахоҳад мурд, ва нонаш камӣ нахоҳад кард.

15 Ман Худованд Худои ту ҳастам, ки баҳрро ба ҷӯшу хурӯш меоварам, то ки мавҷҳояш наъра кашад; Худованди лашкарҳо исми Ман аст+.

[16] Ва Ман каломи Худро дар даҳони ту гузоштаам, ва дар сояи
дасти Худ туро пинҳон кардаам, то ки осмонро барқарор намоям, ва
заминро буньёд кунам, ва ба Сион бигӯям: „Ту қавми Ман ҳастӣ“».
[17] Хушьёр шав, ҳушьёр шав, бархез, эй Ерусалим,
ки ту аз дасти Худованд косаи ғазаби Ӯро нӯшидаӣ,
дурди косаи заҳролудро нӯшида, холӣ кардаӣ+.
[18] Аз ҳамаи писароне ки вай зоидааст, яке набуд,
ки варо раҳбарӣ намояд,
ва аз ҳамаи писароне ки вай ба воя расонидааст,
яке набуд, ки дасти варо гирад.
[19] Ду фалокат ба сари ту омадааст, —
кист, ки ба ту ҳамдардӣ изҳор кунад?
Таҳлука ва шикаст, қаҳтӣ ва шамшер!
Кист, ки туро тасаллӣ диҳад+?
[20] Писарони ту бемаҷол гардида,
дар сари ҳар кӯча
мисли говмеши ба домафтодае хобидаанд,
дар ҳолате ки аз ғазаби Худованд,
аз итоби Худои ту пур шудаанд.
[21] Пас, инро бишнав, эй шӯрбахт,
ва эй масту мадҳуш, вале на аз шароб.
[22] Худованди ту, Худованд ва Худои ту,
ки қавми Худро пуштибонӣ мекунад, чунин мегӯяд:
«Инак, Ман косаи заҳролудро,
дурди косаи ғазаби Худро аз дасти ту мегирам:
ту онро дигар нахоҳӣ нӯшид+.
[23] Ва онро ба дасти касоне ки бар ту ситам мекунанд,
медиҳам, ки онҳо ба ҷони ту мегуфтанд:
„Сарнагун шав, то аз болоят бигзарем“,
ва ту тахтапушти худро мисли замин
ва мисли кӯча барои роҳгузарон гардондаӣ».

## Рӯъёи Ерусалим дар айёми Малакути Худованд.

2 [1] Бедор шав, эй Сион, бедор шав,
ва ҷомаи қудрати худро дар бар кун!
Либоси шавкати худро бипӯш,
эй Ерусалим, эй шаҳри муқаддас!
Зеро ки номахтун ва палид
дигар вориди ту нахоҳад шуд+.
[2] Худро аз хок биафшон,
бархоста, бинишин, эй Ерусалим!
Завлонаҳоро аз гардани худ бикшо,
эй духтари асиршудаи Сион!
[3] Зеро ки Худованд чунин мегӯяд: «Муфт фурӯхта шудаед, ва бе
нуқра раҳо хоҳед шуд».
[4] Зеро ки Худованд Худо чунин мегӯяд: «Қавми Ман дар ибтидо ба
Миср фурӯд омадаанд, то ки дар он ҷо сукунат кунанд, ва пас аз он
Ашшур беҳуда бар онҳо ситам кардааст.
[5] Ва акнун Маро дар ин ҷо чӣ мақсуд аст, — мегӯяд Худованд, —
дар сурате ки қавми Ман муфт гирифта шудаанд? Ҳокимонашон
онҳоро ба дод меоваранд, — мегӯяд Худованд, — ва ҳамеша, ҳар рӯз
исми Ман хор дошта мешавад+.
[6] Бинобар ин қавми Ман исми Маро хоҳанд шинохт; бинобар ин
дар он рӯз хоҳанд донист, ки Ман ҳамон ҳастам, ки мегӯяд: „Инак,
Ман ҳозирам!“»
[7] Чӣ гуна зебост бар кӯҳҳо пойҳои мубашшир,
ки аз сулҳу осоиштагӣ башорат медиҳад,
аз некӣ башорат медиҳад,
наҷотро эълон мекунад,
ба Сион мегӯяд: «Худои ту салтанат меронад!»+
[8] Овози дидбонони туст, ки овоз баланд карда,
якҷоя тараннум менамоянд,
зеро бо чашмони худ мебинанд,
ки Худованд ба Сион бармегардад.
[9] Бо шодӣ овоз баланд карда,
якҷоя тараннум намоед, эй харобаҳои Ерусалим!
Зеро ки Худованд қавми Худро тасаллӣ дода,

Ерусалимро раҳо кардааст+.
10 Худованд бозуи муқаддаси Худро
пеши назари ҳамаи халқҳо бараҳна кардааст,
ва тамоми ақсои замин
наҷоти Худои моро хоҳанд дид+.
11 Дур шавед, дур шавед, аз он ҷо берун оед!
Ба чизи нопок нарасед!
Аз миёни он берун равед, худро тоза кунед,
эй онҳое ки зарфҳои Худовандро мебардоред!+
12 Зеро ки шитобон берун нахоҳед рафт,
ва гурезон равона нахоҳед шуд,
зеро ки пешопеши шумо Худованд хоҳад рафт,
ва соқаи шумо Худои Исроил хоҳад буд+.
13 Инак, бандаи Ман комьёб хоҳад гардид,
олиқадр ва болодаст ва ниҳоятдараҷа баланд
хоҳад шуд+.
14 Чунон ки бисьёр касон аз Ту дар ҳайрат
монда буданд, —
зеро ки намуди Ӯ аз ҳар шахс,
ва симои Ӯ аз банӣ-одам бештар маиб шуда буд! —
15 Ончунон Ӯ халқҳои зиёдро дар ҳайрат хоҳад андохт;
подшоҳон пеши Ӯ даҳони худро хоҳанд баст,
зеро он чиро, ки ба онҳо ҳикоят карда нашуда буд,
хоҳанд дид,
ва он чиро, ки нашунида буданд, хоҳанд фаҳмид+.

## Қурбонии Масеҳи муовин — бандаи Худо.

53 [1] Кист, ки ба овозаи ба гӯши мо расида
бовар карда бошад,
ва кист, ки бозуи Худованд бар вай
зоҳир гардида бошад+?
[2] Ӯ мисли навдае ба ҳузури Худованд рӯидааст,
ва мисли решае аз замини хушк;
Ӯро на симое буд, на ҷамоле, то ҳавас кунем,
ки ба Ӯ назар андозем;
ва на намуде буд, то муштоқи дидораш гардем+.
[3] Ӯ манфур буд ва радди мардум,
дардманд ва ранҷур,
ва мисли касе ки аз вай рӯй мегардонанд;
Ӯ манфур буд, ва мо Ӯро писанд намекардем+.
[4] Аммо Ӯ бемориҳои моро ба сар мебурд,
ва ба дардҳои мо мубтало буд,
валекин мо гумон бурдем, ки Ӯро Худо зада,
ба мусибат ва азиятҳо гирифтор кардааст+.
[5] Ва ҳол он ки Ӯ аз ҷиноятҳои мо маҷрӯҳ,
ва аз гуноҳҳои мо афсурдахотир шудааст;
сазои осоиштагии мо бар Ӯст,
ва ба воситаи ҷароҳатҳои Ӯ мо шифо ёфтаем+.
[6] Ҳамаамон мисли гӯсфандон гумроҳ будем:
ҳар яке ба роҳи худ мерафтем;
ва Худованд гуноҳи ҳамаи моро
ба гардани Ӯ монд+.
[7] Ӯ ситам кашид, вале гардан фуровард,
ва даҳони Худро воз накард;
мисли гӯсфанде ки барои забҳ бурда мешавад,
ва мисли баррае ки назди пашмтарошонаш
безабон аст,
Ӯ ҳамчунон даҳони Худро воз накард;+
[8] Ӯ аз банд ва аз доварӣ гирифта шуд,
ва кист, ки бо насли Ӯ мусоҳиба намояд?
Зеро ки Ӯ аз замини зиндаҳо қатъ карда шуд;

барои гуноҳҳои қавми Ман ба Ӯ осеб расид+.
9 Ва қабри Ӯро бо шарирон таъин карданд,
вале баъд аз мурданаш — бо сарватдоре гӯрониданд,
гарчанде ки Ӯ гуноҳе накардааст,
ва дар забонаш макре набуд+.
10 Валекин хости Худованд ин буд,
ки Ӯро зарба зада, ба дардҳо гирифтор кунад;
вақте ки Ӯ ҷони Худро кафорат намояд,
насл дида, умраш дароз хоҳад шуд,
ва хости Худованд дар дасти Ӯ муяссар хоҳад гардид.
11 Ӯ аз заҳмати ҷони Худ самар дида, қонеъ хоҳад шуд;
Бандаи Одили Ман бо дониши Худ
мардуми бисьёреро сафед хоҳад кард,
ва гуноҳҳои онҳоро бар дӯши Худ хоҳад бардошт+.
12 Бинобар ин Ман ба Ӯ дар миёни бузургон
ҳиссае хоҳам дод,
ва Ӯ ғаниматро бо зӯроварон тақсим хоҳад кард,
дар ивази он ки ҷони Худро ба марг таслим намуд,
ва аз ҷинояткорон шумурда шуд,
ва гуноҳи мардуми бисьёреро бар худ бор кард,
ва барои ҷинояткорон шафоат намуд.

## Исроили аз нав барпошуда дар симои Арӯси Худованд.

4 [1] «Шод бош, эй безурьёт, ки назоидаӣ;
тараннум намо ва хурсандӣ бикун,
ки дарди зоиш накашидаӣ;
зеро писарони зане ки матрук аст,
назар ба зани шавҳардор зиёдтаранд, — мегӯяд
Худованд+.
[2] Ҷои хаймаи худро васеътар бикун,
то ки пардаҳои масканҳоят паҳн шавад;
дареғ надор: танобҳоятро дароз карда,
меххоятро маҳкамтар бизан.
[3] Зеро ки ту ба тарафи рост ва чап паҳн хоҳӣ шуд,
ва насли ту халқҳоро тасарруф хоҳанд намуд
ва шаҳрҳои харобаро маскун хоҳанд кард.
[4] Натарс, зеро ки хиҷил нахоҳӣ шуд;
ва ошуфта нашав, зеро ки бадном нахоҳӣ гардид,
чунки хиҷолати ҷавонии худро фаромӯш хоҳӣ кард,
ва бадномии бевагии худро дигар ба ёд нахоҳӣ овард+.
[5] Зеро ки Офаринандаи ту шавҳари туст,
ки исми Ӯ Худованди лашкарҳост;
ва Қуддуси Исроил Раҳокунандаи туст;
Ӯ Худои тамоми замин хонда хоҳад шуд+.
[6] Зеро ки Худованд туро мисли завҷаи матрук
ва афтодарӯҳе даъват менамояд,
ва мисли завҷаи айёми ҷавонӣ, ки мардуд буд,
— мегӯяд Худои ту+.
[7] Ба андак муддате Ман туро тарк кардаам,
ва бо марҳамати бузурге туро фароҳам хоҳам овард+.
[8] Дар оташи ғазаб рӯи Худро як лаҳза аз ту пинҳон доштаам,
ва бо эҳсони абадӣ ба ту раҳм хоҳам кард, —
мегӯяд Худованди Раҳокунандаи ту+.
[9] Зеро ки ин дар назари Ман мисли обҳои Нӯҳ аст:
чунон ки Ман қасам хӯрдаам,
ки обҳои Нӯҳ дигар бар замин ҷорӣ нахоҳад шуд,
ончунон Ман қасам хӯрдаам, ки бар ту ғазаб накунам

ва туро мазаммат нанамоям+.
10 Зеро ки кӯҳҳо аз ҷои худ дур хоҳад шуд,
ва теппаҳо футур хоҳад рафт,
вале эҳсони Ман аз ту дур нахоҳад шуд,
ва аҳди сулҳу осоиштагии Ман футур нахоҳад рафт, —
мегӯяд Худованде ки ба ту раҳм мекунад+.

## Исроили аз нав барпошуда дар амният.

11 Эй шӯрбахт, ки дар изтироб афтодаӣ ва тасаллӣ наёфтаӣ!
Инак, Ман сангҳои туро бар сурма хоҳам ниҳод,
ва буньёди туро бар ёқути кабуд.
12 Ва кунгураҳои туро аз ёқути руммонӣ,
ва дарвозаҳои туро аз сангҳои баҳрамон,
ва тамоми девори туро аз сангҳои гаронбаҳо
хоҳам сохт.
13 Ва ҳамаи писарони ту аз Худованд таълим хоҳанд ёфт,
ва писарони туро осоиштагии бузурге хоҳад буд+.
14 Бар адолат асос хоҳӣ ёфт;
аз ситам дур хоҳӣ буд, зеро ки нахоҳӣ тарсид,
ва аз даҳшат, — зеро ки он ба ту наздик нахоҳад шуд.
15 Агар барои ҷанг ҷамъ шаванд, аз ҷониби Ман нахоҳад буд.
Ҳар кӣ бар зидди ту ҷамъ шудааст, пеши ту фурӯ хоҳад ғалтид.
16 Инак, Ман оҳангареро офаридаам, ки вай ангиштро дар оташ дам
медиҳад,
ва олате барои кори худ месозад;
ва Ман низ вайронкорро барои хароб кардан офаридаам.
17 Ҳар олате ки бар зидди ту сохта шавад, муваффақият нахоҳад ёфт;
ва ҳар забонеро, ки бар зидди ту ба мурофиа бархезад,
айбдор хоҳӣ кард.
Ин аст насибаи бандагони Худованд,
ва сафед кардани онҳо аз ҷониби Ман аст», — мегӯяд Худованд+.

## Дар бораи наҷоти ҷовидонӣ.

5 [1] «Эй ҳамаи ташнагон, сӯи обҳо биёед!
Ва эй онҳое ки нуқра надоред, биёед, бихаред,
ва бихӯред!
Ва омада, бе нуқра ва бе баҳо шароб ва шир бихаред!+
[2] Чаро нуқраро барои он чи нон нест,
ва меҳнати худро барои он чи сер намекунад,
сарф менамоед?
Маро бодиққат бишнавед, ва чизҳои хубро бихӯред,
то ки ҷони шумо аз фаровонӣ лаззат барад+.
[3] Гӯши худро хам карда, назди Ман биёед;
бишнавед, то ки ҷони шумо зинда шавад;
ва Ман ба шумо аҳди ҷовидонӣ,
яъне марҳаматҳои боэътимоди Довудро хоҳам бахшид+.
[4] Инак, Ман Ӯро шоҳиде барои умматҳо,
пешво ва ҳокими қабилаҳо гардонидаам.
[5] Инак, халқеро, ки ту намешинохтӣ, даъват хоҳӣ намуд,
ва халқе ки туро намешинохтанд, сӯи ту хоҳанд давид,
ба хотири Худованд Худои ту ва Қуддуси Исроил,
зеро ки Ӯ туро шавкат бахшидааст+.
[6] Худовандро толиб бошед, вақте ки Ӯ ёфт мешавад;
Ӯро бихонед, вақте ки Ӯ наздик аст+.
[7] Бигзор шарир роҳи худро,
ва шахси бадкор фикрҳои худро тарк карда,
сӯи Худованд баргардад,
ва Ӯ ба вай раҳм хоҳад кард;
ва сӯи Худои мо баргардад,
зеро ки Ӯ бисьёр меомурзад.
[8] Зеро ки фикрҳои Ман фикрҳои шумо нест,
ва роҳҳои шумо роҳҳои Ман нест, — мегӯяд Худованд.
[9] Зеро, чунон ки осмон аз замин баланд аст,
ончунон роҳҳои Ман аз роҳҳои шумо,
ва фикрҳои Ман аз фикрҳои шумо баланд аст+.
[10] Зеро, чунон ки борон ва барф аз осмон меборад
ва ба он ҷо барнамегардад, балки заминро

сероб карда, онро ҳосилхез
ва сабзу хуррам мегардонад,
ва ба зироаткор тухм ва ба нонхӯр нон мебахшад,
11 Ончунон каломе ки аз даҳони Ман мебарояд,
хоҳад буд:
вай сӯи Ман бенатиҷа нахоҳад баргашт,
балки он чиро, ки Ман хостаам, ба ҷо хоҳад овард,
ва ба иҷрои он чи, ки барояш варо фиристодаам,
муваффақ хоҳад шуд+.
12 Зеро ки шумо бо хурсандӣ берун хоҳед рафт,
ва бо осоиштагӣ гуселонида хоҳед шуд;
кӯҳҳо ва теппаҳо пеши шумо бо овози баланд тараннум хоҳанд кард,
ва хамаи дарахтони саҳро қарсак хоҳанд зад+.
13 Ба ҷои хорбӯтта сарв хоҳад рӯид,
ва ба ҷои газна ос хоҳад рӯид;
ва ин барои Худованд ҷалоле,
аломати ҷовидонии маҳвнопазире хоҳад буд»+.

## Дастурҳо оид ба ахлоқ.

## Пешвоёни нобоб ҷазо хоҳанд дид.

6 [1] Худованд чунин мегӯяд:
«Инсофро нигоҳ доред ва адолатро ба амал оваред,
зеро ки наҷоти Ман ба зудӣ хоҳад омад,
ва адолати Ман зоҳир хоҳад шуд+.
[2] Хушо касе ки инро ба ҷо меоварад,
ва одаме ки ба ин пайравӣ менамояд,
шанберо нигоҳ дошта, палид намекунад
ва дасти худро аз ҳар бадкирдорӣ бозмедорад»+.
[3] Ва бигзор аҷнабие ки ба Худованд ҳамроҳ
шуда бошад, нагӯяд:
«Худованд маро аз қавми Худ тамоман ҷудо
кардааст»,
ва хоҷасарой нагӯяд: «Ман, охир, дарахти
хушк ҳастам»+.
[4] Зеро ки Худованд дар бораи хоҷасароён
чунин мегӯяд:
«Онҳое ки шанбеҳои Маро нигоҳ медоранд,
ва он чиро, ки дилхоҳи Ман аст, интихоб мекунанд,
ва ба аҳди Ман пайравӣ менамоянд, —
[5] Ба онҳо дар хонаи Худ ва андаруни деворҳои
Худ ёдгорӣ
ва исме беҳтар аз писарон ва духтарон
хоҳам дод;
исми ҷовидоние ки маҳвнопазир аст, ба онҳо
хоҳам дод.
[6] Ва аҷнабиёне ки ба Худованд ҳамроҳ шуда бошанд,
то ки ба Ӯ хизмат кунанд ва исми Худовандро
дӯст дошта,
бандагони Ӯ гарданд, яъне ҳамаи онҳое ки
шанберо нигоҳ дошта,
палид намекунанд ва ба аҳди Ман пайравӣ
менамоянд, —

[7] Онҳоро Ман ба кӯҳи муқаддаси Худ хоҳам овард,
ва онҳоро дар хонаи ибодати Худ шод хоҳам кард;
қурбониҳои сӯхтанӣ ва забҳҳои онҳо
бар қурбонгоҳи Ман мақбул хоҳад буд,
зеро ки хонаи Ман хонаи ибодат барои
ҳамаи қавмҳо хонда хоҳад шуд»+.
[8] Худованд Худо, ки рондашудагони Исроилро
ҷамъ меоварад, мегӯяд:
«Ба замми онҳое ки ҷамъ омадаанд, Ман боз
ҷамъ хоҳам овард»+.
[9] Эй тамоми ҳайвоноти саҳро, омада бихӯред!
Эй тамоми ҳайвоноти ҷангал!+
[10] Посбонони вай ҳамаашон кӯр ҳастанд ва нодон;
ҳамаашон сагони гунг ҳастанд, ки наметавонанд
ак-ак кунанд;
хобида сафсата мегӯянд, пинак рафтанро дӯст медоранд+.
[11] Ва инҳо сагони ҳарисанд, ки сериро намедонанд;
ва онҳо чӯпононанд, ки наметавонанд фаҳм кунанд;
ҳамаашон ба роҳи худ мераванд,
ҳар яке, саросар, фоидаи худро хоҳон аст+.
[12] Мегӯянд: «Биёед! Шароб биёрам, ва мо арақ
нӯшида маст шавем;
ва фардо мисли имрӯз, балки боз ҳам зиёдтар
хоҳад буд»+.

## Осоиштагӣ насиби одилон аст;
## шарирон дар ташвиши доимӣ хоҳанд буд.

57 [1] Одил нобуд мешавад, ва касе нест,
ки инро ба дил гирад;
ва мардуми порсо аз миён мераванд,
ва касе фаҳм намекунад,
ки одил ба сабаби шӯру шар аз миён меравад.
[2] Вай ба макони сулҳу осоиштагӣ дохил мешавад;
онҳое ки бо роҳи рост равонанд,
бар ҷогаҳҳои худ ором хоҳанд ёфт+.
[3] Вале шумо, эй писарони ҷодугар,
эй зурьёти фосиқ ва фоҳиша,
ба ин ҷо наздик оед!+
[4] Шумо бар кӣ истеҳзо менамоед?
Бар кӣ даҳонро воз ва забонро дароз мекунед?
Шумо, охир, фарзандони ҷиноят,
зурьёти кизб ҳастед,
[5] Ки дар сояи дарахтони писта,
ба зери ҳар дарахти сабз худро барои ҷимоъ
ба ҷӯш меоваред,
ва кӯдаконро дар водиҳо,
ба зери шикофҳои сахраҳо забҳ мекунед!+
[6] Дар миёни сангҳои суфтаи водӣ қисмати туст;
ҳаминҳо насиби туст;
барои онҳо низ ҳадияҳои рехтанӣ мерезӣ,
ҳадияҳои ордӣ меоварӣ;
оё Ман метавонам аз инҳо сарфи назар кунам?
[7] Бар кӯҳи баланд ва саркаш
ту ҷогаҳи худро гузоштаӣ;
ба он ҷо низ баромада, забҳ мекунӣ.
[8] Ва бар пушти дар ва паҳлудариҳо ёдоварди
бути худро овехтаӣ,
зеро ки аз Ман рӯ тофта, бараҳна шудаӣ,
ва бар ҷогаҳи худ баромада, онро васеъ кардаӣ,

ва бо баъзе аз онҳо аҳд бастаӣ,
ҷогаҳи онҳоро дӯст доштаӣ,
вақте ки ҷои мувофиқе дидаӣ+.
9 Ва бо равғани атрафшон назди Мӯлик* низ рафтаӣ,
ва атриёти худро афзун кардаӣ,
ва элчиёни худро ба ҷойҳои дур фиристодаӣ,
ва худро то ба дӯзах паст гардонидаӣ.
10 Аз роҳи дуру дарози худ лакот шудаӣ,
лекин нагуфтаӣ: «Умеде нест!»
Боз қуввате дар дасти худ пайдо кардаӣ,
бинобар ин ба ташвиш наафтодаӣ.
11 Пас ту аз кӣ тарсидаӣ ва ҳаросон шудаӣ,
ки хиёнат кардаӣ, ва Маро ба ёд наовардаӣ,
оқибати инро ба дил нагирифтаӣ?
Оё на аз он сабаб ки Ман дер вақт хомӯш мондаам,
ва ту аз Ман натарсидаӣ+?
12 Ман адолати ту ва аъмоли туро маълум хоҳам кард,
ва онҳо ба ту фоидае нахоҳад бахшид.
13 Вақте ки доду фарьёд бардорӣ, оё андӯхтаи бутхоят
туро халосӣ медиҳад?
Ҳамаи онҳоро боде хоҳад бардошт
ва нафасе хоҳад бурд,
валекин ҳар кӣ ба Ман паноҳ мебарад, вориди замин хоҳад шуд,
ва кӯҳи муқаддаси Маро тасарруф хоҳад намуд+.
14 Ва гуфт: «Ҳамвор кунед, ҳамвор кунед,
роҳро холӣ кунед,
монеаро аз роҳи қавми Ман дур кунед!»
15 Зеро Ӯ, ки Олӣ ва Баланд аст, ва дар абадият Сокин мебошад,
ва исмаш Қуддус аст, чунин мегӯяд:
«Ман дар макони олӣ ва муқаддас,
вале бо мазлум ва афтодарӯҳ сукунат дорам,
то ки рӯҳи афтодагонро зинда созам,
ва дили мазлумонро эҳьё намоям+.
16 Зеро ки то абад додгарӣ нахоҳам кард,
ва беинтиҳо ғазаб нахоҳам намуд,

вагар на рӯҳ ва ҷонҳое ки Ман офаридаам,
пеши Ман бемаҷол хоҳанд шуд+.
17 Барои гуноҳи тамаъкории ӯ Ман ба хашм омада,
ӯро зарба задам,
рӯи Худро пинҳон доштам ва ғазаб намудам,
вале ӯ густохона бо роҳи дили худ рафтан гирифт+.
18 Роҳҳои ӯро Ман дидаам, вале ӯро шифо хоҳам дод,
ва ӯро ҳидоят хоҳам кард, ва ӯ ва мотамдорони ӯро
тасаллӣ хоҳам дод+.
19 Ман самари лабҳоро ба вуҷуд хоҳам овард,
ки чунин аст:
осоиштагӣ, осоиштагӣ ба касе ки дур аст,
ва ба касе ки наздик аст, —
мегӯяд Худованд, — ва ӯро шифо хоҳам дод»+.
20 Валекин шарирон мисли баҳри пурталотуманд,
ки он наметавонад ором шавад,
ва обҳояш лой ва лӯшро берун мепартояд.
21 «Барои шарирон осоиштагӣ нахоҳад буд», — мегӯяд
Худои ман+.

## Мазаммат дар ҳаққи порсоии зоҳирӣ.

## Некуӣ насиби порсоии ҳақиқист.

**8** [1] «Бо тамоми овоз хитоб намо, худдорӣ накун!
Овози худро мисли шох баланд карда,
ба қавми Ман ҷиноятҳошонро,
ва ба хонадони Яъқуб гуноҳашонро эълон намо+.
[2] Ба яқин, онҳо Маро ҳар рӯз меҷӯянд, ва роҳҳои Маро
зоҳиран мехоҳанд,
мисли халқе ки адолатро риоя намудаанд,
ва шариати Худои худро тарк накардаанд;
аҳкоми адолатро аз Ман пурсида,
гӯё мехоҳанд ба Худо наздик бошанд:
[3] „Чаро рӯза доштем, вале Ту намебинӣ?
Ҷонҳои худро азоб додем, вале Ту намедонӣ?“
Шумо, охир, дар рӯзи рӯзаи худ низ
корубори худро меёбед,
ва ҳамаи коргарони худро ба танг меоваред+.
[4] Шумо, охир, барои низоъ ва нифоқ рӯза медоред,
ва барои он ки бо мушти шарорат бизанед;
имрӯз шумо тавре рӯза намедоред, ки овозатон
дар афроз шунида шавад.
[5] Оё чунин аст рӯзае ки гузидаи Ман бошад,
— рӯзе ки одамизод ҷонашро азоб медиҳад?
Оё ин барои он аст, ки кас сари худро мисли най
хам созад,
ва палосу хокистар зери худ андозад?
Оё инро рӯза ва рӯзи писандидаи Худованд мехонӣ+?
[6] Охир, рӯзае ки гузидаи Ман бошад, чунин аст:
завлонаҳои шароратро бикшо, гиреҳҳои юғро воз кун,
ва мазлумонро озод намо,
ва ҳар юғро бишкан;+
[7] Нони худро ба гуруснагон тақсим кун,
ва бенавоёни оворагардро ба хонаи худ биёр;
вақте ки бараҳнаро бинӣ, ӯро либос пӯшон,

ва аз ақрабои худ пинҳон нашав+.
8 Он гоҳ нури ту мисли шафақ ҷило хоҳад дод,
ва шифои ту ба зудӣ фаро хоҳад расид,
ва адолати ту пешопеши ту хоҳад рафт,
ва ҷалоли Худованд соқаи ту хоҳад буд+.
9 Он гоҳ ту дуо хоҳӣ гуфт, ва Худованд иҷобат
хоҳад намуд;
ту истиғоса хоҳӣ кард, ва Ӯ хоҳад гуфт: „Инак,
Ман ҳозирам!“
Агар юғ, ишорати ангушт ва бадгапиро
аз миёни худ дур созӣ,
10 Ва ҷони худро ба гуруснае бидиҳӣ,
ва ҷони ситамкашеро сер кунӣ, —
он гоҳ нури ту дар зулмот хоҳад дурахшид,
ва торикии ту мисли нимирӯзӣ хоҳад буд;
11 Ва Худованд туро ҳамеша ҳидоят хоҳад намуд,
ва дар хушксолиҳо туро сер хоҳад кард,
ва ба устухонҳои ту қувват хоҳад дод,
ва ту мисли боғи сероб хоҳӣ буд,
ва мисли чашмае ки обаш ҳаргиз адо намешавад+.
12 Ва онҳое ки аз ту ба вуҷуд меоянд,
харобаҳои қадимро бино хоҳанд кард,
ва ту асосҳои чандин асрро барпо хоҳӣ намуд,
ва туро таъмиркунандаи рахнаҳо,
ободкунандаи роҳҳо барои сукунат хоҳанд номид+.
13 Агар пои худро ба хотири шанбе
аз иҷрои корубори худ дар рӯзи муқаддаси Ман боздорӣ,
ва шанберо ҳаловат, ва рӯзи муқаддаси
Худовандро мӯҳтарам бихонӣ,
ва онро эҳтиром намоӣ бе он ки ба роҳҳои худ
равона шавӣ,
коруборе барои худ пайдо кунӣ
ва дар ин хусус суханони беҳуда ронӣ, —+
14 Он гоҳ дар Худованд ҳаловат хоҳӣ бурд,
ва туро бар баландиҳои замин хоҳам баровард,
ва ирси падарат Яъқубро ба ту хоҳам чашонид,

зеро ки даҳони Худованд инро гуфтааст»+.

## Ҳалокати қавми шарир.

## Ваъдаи омадани Раҳокунанда.

9 1 Охир, дасти Худованд кӯтоҳ нест,
ки наҷот надиҳад,
ва гӯши Ӯ вазнин нест,
ки нашнавад,+
2 Балки гуноҳҳои шумо дар миёни шумо
ва Худои шумо ҷудоӣ андохтааст,
ва хатоҳои шумо рӯи Ӯро аз шумо пӯшидааст,
то ки нашнавад+.
3 Зеро ки дастҳои шумо ба хун,
ва ангуштҳои шумо ба гуноҳ олуда шудааст;
лабҳои шумо дурӯғ мегӯяд,
забони шумо ноинсофона сухан меронад+.
4 Ҳеҷ кас толиби адолат нест,
ва ҳеҷ кас аз рӯи ростӣ доварӣ намекунад:
ба ҳеҷу пуч умед мебанданд ва суханони ботил мегӯянд,
ба хабосат ҳомила мешаванд ва бадиро мезоянд+.
5 Аз тухмҳои афъӣ бача мебароваранд,
ва тори анкабӯт метананд;
Ҳар кӣ аз тухмҳои онҳо бихӯрад, мемирад,
ва агар пахш кунад, афъӣ берун меояд.
6 Тори анкабӯти онҳо барои либос кор намеояд,
ва онҳо худро бо самари аъмолашон
наметавонанд пӯшонанд;
аъмоли онҳо аъмоли ҷафост,
ва кори ситам дар дасти онҳост+.
7 Пойҳои онҳо сӯи шарорат медавад,
ва ба рехтани хуни шахси бегуноҳ мешитобад;
фикрҳои онҳо фикрҳои ҷафост;
тороҷ ва шикаст дар ҷоддаҳои онҳост+.
8 Онҳо роҳи осоиштагиро намедонанд,
ва дар тариқҳои онҳо инсофе нест;
ҷоддаҳои худро качу килеб кардаанд:

ҳар кӣ бо онҳо қадамгузор бошад, осоиштагиро
намедонад.
9 Бинобар ин инсоф аз мо дур шудааст,
ва адолат ба мо намерасад;
ба нур умедвор мешавем, ва инак зулмот аст,
ба дурахшҳо нигарон ҳастем —
дар торикӣ қадам мемонем.
10 Мисли кӯрон деворро даст-даст мекунем,
ва мисли касони бечашм даст-дасткунон роҳ меравем;
дар нимирӯзӣ мисли торикии шом пешпо мехӯрем,
дар миёни тандурустон мисли мурдагонем+.
11 Ҳамаамон мисли хирсон наъра мезанем,
ва мисли кабӯтарон нолиш мекунем;
ба инсоф умедворем — ва нест,
ба наҷот умедворем — аз мо дур аст+.
12 Зеро ки ҷиноятҳои мо пеши Ту бисьёр шудааст,
ва хатоҳои мо ба муқобили мо шаҳодат медиҳад;
зеро ки ҷиноятҳои мо бо мост,
ва гуноҳҳои худро медонем.
13 Хиёнат карда, мункири Худованд шудаем,
ва аз Худои худ дурӣ гузидаем;
каломи зулм ва куфрро ба забон рондаем,
суханони дурӯғро аз дил гузаронида, ифода намудаем.
14 Ва инсоф ақиб гаштааст,
ва адолат дар ҷои дур истодааст,
зеро ки ростӣ дар майдон пешпо хӯрдааст,
ва дурусткорӣ наметавонад биёяд.
15 Ва ростӣ нест шудааст,
ва ҳар кӣ аз бадӣ канорагирӣ кунад, гирифтори таҳқир мешавад;
ва Худованд дид,
ва дар назари Ӯ бад омад, ки инсофе нест.
16 Ва дид, ки одаме нест,
ва тааҷҷуб намуд, ки пуштибоне нест;
ва бозуи Ӯ ба Ӯ мададгор шуд,
ва адолати Ӯ Ӯро дастгирӣ намуд+.
17 Ва Ӯ адолатро мисли зиреҳ дар бар кард,

ва хӯди наҷотро бар сари Худ ниҳод,
ва пероҳани интиқомро дар ивази либос дар бар кард,
ва рашкро мисли ҷомае пӯшид, —+
[18] Бар тибқи аъмоли онҳо; бар тибқи он Ӯ подош хоҳад дод:
ғазабро ба адуёни Худ, подошро ба душманони Худ,
сазоро ба ҷазираҳо хоҳад дод+.
[19] Ва дар ғарб аз исми Худованд,
ва дар тарафи тулӯи офтоб аз ҷалоли Ӯ хоҳанд тарсид;
вақте ки душман мисли наҳре ба ҳуҷум ояд,
нафаси Худованд варо хоҳад ронд.

## Раҳокунандаи Сион меояд.

[20] «Ва Раҳокунандае барои Сион хоҳад омад,
ва барои онҳое ки дар Яъқуб аз маъсият баргашта бошанд, — мегӯяд Худованд+.
[21] Ва Ман, чунин аст аҳди Ман бо онҳо, — мегӯяд Худованд: Рӯҳи Ман, ки бар туст,
ва каломи Ман, ки Ман дар даҳони ту гузоштаам,
аз даҳони ту, ва аз даҳони насли ту,
ва аз даҳони насли насли ту дур нахоҳад шуд,
— мегӯяд Худованд, — аз алҳол ва то абад»+.

## Давоми он.

0

1 Бархез, мунаввар шав, зеро ки нури ту омадааст,
ва ҷалоли Худованд бар ту тулӯъ намудааст+.
2 Зеро инак, торикӣ заминро,
ва меғ қабилаҳоро мепӯшонад,
вале бар ту Худованд тулӯъ хоҳад кард,
ва ҷалоли Ӯ бар ту зоҳир хоҳад шуд+.
3 Ва халқҳо сӯи нури ту,
ва подшоҳон сӯи дурахши тулӯи ту равона хоҳанд шуд+.
4 Чашмони худро ба ҳар ҷониб баланд намуда, бингар:
ҳамаашон ҷамъ шуда, сӯи ту меоянд:
писаронат аз дур хоҳанд омад,
ва духтаронат дар канор гирифта хоҳанд шуд+.
5 Онҳоро дида, чеҳраат аз шодӣ хоҳад дурахшид,
ва дилат ба тапиш афтода, васеъ хоҳад шуд,
зеро ки сарвати баҳр сӯи ту рӯ хоҳад овард,
дороии халқҳо назди ту хоҳад омад+.
6 Анбӯҳи шутурон — шутурони ҷавони Мидьён
ва Эйфо — туро пур хоҳад кард;
ҳамаашон аз Шабо хоҳанд омад,
тилло ва лебӯно хоҳанд овард,
ва ҳамду санои Худовандро башорат хоҳанд дод+.
7 Ҳамаи гӯсфандони Қедор назди ту ҷамъ хоҳанд шуд;
қӯчқорҳои Набойӯт ба ту хизмат хоҳанд кард:
бар қурбонгоҳи Ман баромада, мақбул хоҳанд шуд,
ва Ман хонаи шавкати Худро ҷалол хоҳам дод+.
8 Инҳо кистанд, ки мисли абр парвоз мекунанд,
ва мисли кабӯтарон сӯи равзанҳои худ+?
9 Ба яқин, ҷазираҳо, ва пешопешашон
киштиҳои Таршиш
назди Ман ҷамъ хоҳанд шуд,
то ки писарони туро аз дурдаст,
ва нуқраю тиллои онҳоро бо онҳо биёранд,
ба хотири исми Худованд Худои ту,
ва ба хотири Қуддуси Исроил,

зеро ки Ӯ туро ҷалол додааст+.
10 Ва аҷнабиён ҳисорҳои туро бино хоҳанд кард,
ва подшоҳони онҳо хизмати туро ба ҷо хоҳанд овард,
зеро ки дар ғазаби Худ туро зарба задаам,
вале дар таваҷҷӯҳи Худ ба ту раҳм хоҳам кард+.
11 Ва дарвозаҳои ту ҳамеша воз хоҳад буд,
рӯз ва шаб баста нахоҳад шуд,
то ки дороии халқҳоро назди ту биёранд,
ва подшоҳони онҳо низ оварда шаванд+.
12 Зеро ҳар халқ ва мамлакате ки ба ту хизмат
накунад, нобуд хоҳад шуд,
ва он халқҳо тамоман нест хоҳанд гардид+.
13 Ҷалоли Лубнон, сарв, коҷ ва шамшоди он
бо якҷоягӣ назди ту хоҳад омад,
то ки макони муқаддаси Маро зинат диҳад,
ва Ман қадамгоҳи Худро ҷалол хоҳам дод.
14 Ва писарони онҳое ки туро ба танг меоварданд,
сар фурӯд оварда, назди ту хоҳанд омад,
ва ҳамаи онҳое ки аз ту нафрат доштанд,
ба кафи пойҳои ту саҷда хоҳанд кард,
ва туро шаҳри Худованд,
Сиони Қуддуси Исроил хоҳанд номид+.
15 Дар ивази он ки ту матрук ва манфур будӣ,
ва касе аз ту гузар намекард,
Ман туро ифтихори ҷовидонӣ,
шодии наслҳои зиёд хоҳам гардонид.
16 Ва аз шири халқҳо сер хоҳӣ шуд,
ва пистони подшоҳонро хоҳӣ макид,
ва хоҳӣ донист, ки Ман Худованди Наҷотдиҳандаи ту
ва Раҳокунандаи ту, Неруманди Яъқуб ҳастам+.
17 Ба ҷои мис тилло хоҳам овард,
ва ба ҷои оҳан нуқра хоҳам овард,
ва ба ҷои чӯб — мис,
ва ба ҷои санг — оҳан;
ва осоиштагиро ҳокими ту,
ва адолатро нозири ту хоҳам гардонид.

18 Зулм дар замини ту, тороҷу шикаст дар ҳудуди ту дигар шунида нахоҳад шуд;
ва ҳисорҳои худро наҷот,
ва дарвозаҳои худро ҷалол хоҳӣ номид+.
19 Офтоб барои ту дигар рӯшноии рӯз нахоҳад буд,
ва дурахши моҳ барои ту равшанӣ нахоҳад дод,
балки Худованд барои ту нури ҷовидонӣ,
ва Худои ту шавкати ту хоҳад буд+.
20 Офтоби ту дигар ғуруб нахоҳад кард,
ва моҳи ту пинҳон нахоҳад шуд,
зеро ки Худованд барои ту нури ҷовидонӣ хоҳад буд,
ва рӯзҳои мотами ту тамом хоҳад шуд+.
21 Ва қавми ту ҳамаашон одил хоҳанд буд,
ба сурати абадӣ ворисе замин хоҳанд шуд;
онҳо ниҳоли шинондаи Ман,
амали дастҳои Ман ҳастанд,
то ки ҷалол ёбам+.
22 Камшумор ба ҳазорҳо мубаддал хоҳад шуд,
ва бемаҷол — ба халқи зӯровар.
Ман — Худованд инро дар вақташ хоҳам тезонид.

## Масеҳе ки меояд, баъд аз рӯзи инмиқом манбаи файз хоҳад буд.

1 [1] Рӯҳи Худованд Худо бар Ман аст,
зеро ки Худованд Маро тадҳин намудааст:
Маро фиристодааст, то ки ба мискинон башорат диҳам,
шикастадилонро шифо бахшам,
озодиро ба асирон ва фатҳи зиндонро ба бандиён эълон намоям;+
[2] Соли таваҷҷӯҳи Худованд
ва рӯзи интиқоми Худои моро эълон намоям,
ҳамаи мотамзадагонро тасаллӣ бахшам;+
[3] Мотамзадагони Сионро ато намуда,
ба онҳо афсаре ба ҷои хокистар бидиҳам,
ва равғани шодмонӣ — ба ҷои мотам,
ва ридои ҷалол — ба ҷои рӯҳи андӯҳгин;
ва онҳо дарахтони адолат номида хоҳанд шуд,
ки Худованд барои ҷалоли Худ шинондааст+.
[4] Ва онҳо вайронаҳои бостониро бино хоҳанд кард,
харобаҳои қадимро барпо хоҳанд намуд,
ва шаҳрҳои вайронаро, ки аз даврҳои пешина харобазор шуда мондааст,
аз нав барқарор хоҳанд кард+.
[5] Ва бегонаҳо ба хизмат истода, гӯсфандони шуморо хоҳанд чаронид,
ва аҷнабиён зироаткорону токдорони шумо хоҳанд буд.
[6] Ва шумо коҳинони Худованд номила хоҳед шуд, —
шуморо хизматгузорони Худои мо хоҳанд хонд;
аз дороии халқҳо ғизо хоҳед гирифт,
ва аз ҷалоли онҳо ифтихор хохед дошт+.
[7] Дар ивази хиҷолати худ дучандон подош хоҳед гирифт,
ва дар ивази расвоӣ аз насиби худ шод хоҳанд шуд,
чунки дар замини худ насиби дучанд хоҳанд ёфт,
ва хурсандии ҷовидонӣ барои онҳо хоҳад буд+.
[8] Зеро Ман, ки Худованд ҳастам,
адлу инсофро дӯст медорам, аз ғоратгарӣ ва ноинсофӣ нафрат дорам,
ва мукофоти онҳоро аз рӯи ростӣ хоҳам дод,
ва аҳди ҷовидонӣ бо онҳо хоҳам баст+.

9 Ва насли онҳо дар миёни халқҳо,
ва зурьёти онҳо андаруни қавмон машҳур хоҳанд шуд;
ҳар кӣ онҳоро бинад, хоҳад донист,
ки онҳо насле ҳастанд, ки Худованд баракат додааст+.
10 Дар Худованд шодии бисьёр мекунам,
ва ҷони ман дар Худои ман ба ваҷд меояд,
зеро ки Ӯ маро либоси наҷот пӯшонидааст,
ва ҷомаи адолат бар дӯшам гузоштааст,
чунон ки домод афсарро мисли коҳине
бар сари худ мениҳад.
ва чунон ки арӯс худро бо зеварҳо оро медиҳад+.
11 Зеро, чунон ки замин набототи худро мерӯёнад,
ва чунон ки боғ тухмҳои дар он кошташударо месабзонад,
align="left"онҷунон Худованд Худо адолат ва ҷалолро
пеши ҳамаи халқҳо нумӯ хоҳад дод.

## Аз нав барпо шудани қавми Исроил.

2 [1] Ба хотири Сион сукут нахоҳам кард,
ва ба хотири Ерусалим хомӯш нахоҳам монд,
то даме ки адолати он мисли нур тулӯъ намояд,
ва наҷоти он — мисли машъали фурӯзон.
[2] Ва халқҳо адолати туро,
ва ҳамаи подшоҳон ҷалоли туро хоҳанд дид,
ва ту бо исми наве
ки даҳони Худованд онро муқаррар менамояд,
хонда хоҳӣ шуд+.
[3] Ва ту тоҷи шавкат дар яди Худованд хоҳӣ буд,
ва афсари подшоҳӣ дар дасти Худои худ+.
[4] Туро дигар «Матрук» нахоҳанд номид,
ва замини туро дигар «Вайрона» нахоҳанд гуфт,
балки туро «Дилхоҳ»
ва замини туро «Шавҳардор» хоҳанд номид,
зеро ки Худованд туро хостааст,
ва замини ту шавҳар хоҳад кард+.
[5] Чунон ки ҷавоне дӯшизаро ба занӣ мегирад,
ончунон писаронат туро тасарруф хоҳанд кард,
ва чунон ки домод аз арӯс шод мегардад,
ончунон Худои ту аз ту шод хоҳад шуд+.
[6] Бар ҳисорҳои ту, эй Ерусалим, Ман посбононро гузоштаам,
ки тамоми рӯз ва тамоми шаб, ҳамеша сукут нахоҳанд кард.
Эй онҳое ки Худовандро зикр менамоед! Сукут накунед,
[7] Ва Ӯро оромӣ надиҳед, то даме ки Ерусалимро
аз нав барқарор намуда,
ҷалоли рӯи замин гардонад.
[8] Худованд ба ямини Худ ва ба бозуи қавии Худ қасам хӯрдааст:
«Ғаллаи туро дигар хӯроки душманонат нахоҳам сохт,
ва аҷнабиён шароби туро, ки бароят меҳнат кардаӣ,
нахоҳанд нӯшид,+
[9] Балки онҳое ки онро ҷамъ мекунанд, онро хӯрда,
Худовандро мадҳ хоҳанд намуд,

ва онҳое ки онро мечинанд, онро дар саҳнҳои қудси Ман хоҳанд
нӯшид».
10 Аз дарвозаҳо бигзаред, бигзаред!
Роҳи қавмро тайёр кунед!
Ҷоддаро ҳамвор кунед, ҳамвор кунед!
Аз сангҳо тоза кунед! Барои қавм ливо бардоред!+
11 Инак, Худованд то ақсои замин эълон менамояд:
ба духтари Сион бигӯед: «Инак, Наҷотдиҳандаи ту меояд!
Инак, музди Ӯ бо Ӯст, ва подоши Ӯ пеши Ӯст»+.
12 Ва онҳоро қавми муқаддас,
растагорони Худованд хоҳанд номид,
ва ту матлуб ва шаҳри номатрук номида хоҳӣ шуд.

## Рӯзи инмиқом.

3 [1] Ин кист, ки аз Адӯм меояд, бо либоси сурх аз Басра меояд?
Ин кист, ки дар либоси Худ пуршукӯҳ аст,
ва дар камоли қуввати Худ қадам мегузорад?
«Ман ҳастам, ки аз рӯи адолат сухан меронам
ва барои наҷот додан тавоно мебошам»+.
[2] Чаро либоси Ту сурх аст,
ва ҷомаи Ту мисли касест, ки чархуштро поймол карда бошад?
[3] «Танҳо Худам чархуштро поймол кардам,
ва аз қавмон касе бо Ман набуд,
ва Ман онҳоро дар ғазаби Худ поймол намудам,
ва дар шиддати хашми Худ онҳоро лагадкӯб сохтам,
ва хуни онҳо бар либоси Ман пошида шуд,
ва Ман тамоми ҷомаи Худро олуда кардам;+
[4] Зеро ки рӯзи интиқом дар дили Ман аст,
ва соли раҳо кардани Ман фаро расидааст+.
[5] Ва Ман нигаристам, ва мададгоре набуд,
ва тааҷҷуб намудам, ки ёваре набуд,
ва бозуи Ман Маро мададгор шуд,
ва хашми Ман Маро ёварӣ намуд+.
[6] Ва Ман қавмонро дар ғазаби Худ поймол намудам,
ва онҳоро аз шиддати хашми Худ маст кардам,
ва хуни онҳоро бар замин рехтам»+.

## Тарс ва умедҳои бақияи қавм дар рӯзи инмиқом.

[7] Эҳсонҳои Худованд ва ҷалоли Худовандро зикр хоҳам кард,
барои ҳар он чи Худованд ба мо ато намудааст,
ва барои лутфи зиёде ба хонадони Исроил,
ки Ӯ аз рӯи марҳамати Худ
ва аз рӯи фаровонии эҳсонҳои Худ
ба онҳо ато намудааст.
[8] Ва Ӯ гуфтааст: «Ба яқин, онҳо қавми Ман ҳастанд,
писароне ки хиёнат намекунанд».
Ва Ӯ Наҷотдиҳандаи онҳо буд.
[9] Дар ҳар тангии онҳо Ӯ дилсӯзӣ мекард,

ва фариштае ки дар ҳузури Ӯ буд,
онҳоро наҷот медод;
аз рӯи муҳаббати Худ ва шафқати Худ Ӯ
онҳоро раҳо мекард,
ва дар тамоми айёми қадим онҳоро мебардошт
ва баланд мекард+.
10 Валекин онҳо беитоатӣ намуда,
Рӯҳулқудси Ӯро маҳзун мекарданд,
ва Ӯ душмани онҳо гашта,
ба муқобили онҳо меҷангид+.
11 Ва қавми Ӯ айёми қадими Мусоро ба ёд оварданд:
куҷост Он ки онҳоро бо чӯпони рамаи Худ
аз баҳр баровард?
Куҷост Он ки Рӯҳулкудси Худро
андаруни онҳо ниҳод+?
12 Он ки бозуи пуршукӯҳи Худро ба ямини Мусо равона намуда,
обҳоро пеши онҳо пора кард, то ки барои Худ
исми ҷовидонӣ пайдо кунад+?
13 Он ки онҳоро дар вартаҳо
мисли аспе дар биёбон ҳидоят намуд, ва онҳо пешпо нахӯрданд?
14 Мисли чорпое ки ба водӣ фурӯд меоянд,
Рӯҳи Худованд онҳоро сӯи фароғат бурд.
Ҳамин тавр Ту қавми Худро ҳидоят намудӣ,
то ки барои Худ исми пуршукӯҳе пайдо кунӣ.
15 Аз осмон назар андоз ва аз маскани муқаддас
ва пурҷалоли Худ бубин!
Рашки Ту ва тавоноии Ту куҷост?
Дилсӯзии Ту ва марҳаматҳои Ту
нисбат ба ман боздошта шудааст+.
16 Ту, охир, Падари мо ҳастӣ, агарчи Иброҳим моро намедонад,
ва Исроил моро намешиносад;
Ту, эй Худованд, Падари мо,
Раҳокунандаи мо ҳастӣ, ва исми Ту аз азал чунин аст+.
17 Чаро, эй Худованд, моро гузоштаӣ, ки гумроҳ
шуда, аз роҳҳои Ту бароем?
Ва дилҳои моро сахт кардаӣ, то ки аз Ту натарсем?

Ба хотири бандагони Худ, ба хотири сибтҳои мероси Худ сӯи мо
ручӯъ намо!
18 Қавми муқаддаси Ту муддати каме онро тасарруф намуданд;
душманони мо қудси Туро поймол карданд.
19 Мо мисли касоне шудаем, ки Ту гӯё ҳаргиз бар онҳо ҳукмронӣ
накарда бошӣ,
ва онҳо ба исми Ту номида нашуда бошанд+.

## Тарс ва умедҳои бақияи қавм. Дуо дар бораи наҷом.

4 [1] Кошки Ту осмонро дарронда, нузул менамудӣ!
Кӯҳҳо аз ҳузури Ту гудохта мешуд,+
[2] Мисли он ки хасу хошок аз оташ аланга мезанад,
ва об аз оташ ба ҷӯш меояд, —
нузул намо, то ки исми Худро
ба душманони Худ машҳур созӣ,
ва халқҳо аз дидори Ту ба ларза оянд.
[3] Вақте ки Ту корномаҳои аҷоибе ки мо чашми интизор надоштем, ба
ҷо оварда,
нузул менамудӣ, кӯҳҳо аз ҳузури Ту гудохта мешуд.
[4] Ва ҳаргиз нашнидаанд, ва гӯш накардаанд,
ва чашм Худоеро ғайр аз Ту надидааст,
ки барои умедворонаш чунин амал карда бошад+.
[5] Ту бо онҳое ки шодмонанд, ва адолатро ба амал меоваранд,
ва дар роҳҳои Ту Туро зикр менамоянд,
бо хушӣ мулоқот мекунӣ;
лекин Ту ба ғазаб омадаӣ, чунки мо гуноҳ кардаем,
ва муддати зиёде дар он ғӯтидаем, —
ва оё метавонем наҷот ёбем+?
[6] Ва ҳамаамон мисли палиде гардидаем,
ва тамоми адолати мо мисли либоси чиркин аст;
ва ҳамаамон мисли барг пажмурда шудаем,
ва гуноҳҳоямон мисли боде моро бардошта мебарад+.
[7] Ва касе нест, ки исми Туро бихонад,
ва бедор шуда, Туро пайравӣ намояд,
зеро ки Ту рӯи Худро аз мо пинҳон кардаӣ,
ва моро гузоштаӣ, ки аз гуноҳҳои худ нобуд шавем+.
[8] Ва акнун, эй Худованд, Ту Падари мо ҳастӣ;
мо гил ҳастем, ва Ту — кӯзагари мо,
ва ҳамаамон амали дастҳои Ту мебошем+.
[9] Худовандо! Бениҳоят дар ғазаб нашав,
ва гуноҳро то абад дар хотир нигоҳ надор;
лутфан назар андоз, ки ҳамаамон қавми Ту ҳастем.
[10] Шаҳрҳои муқаддаси Ту биёбон шудааст;

Сион биёбон,
ва Ерусалим харобазор гардидааст.
11 Хонаи қудси мо ва ҷалоли мо,
ки падарони мо дар он Туро ҳамду сано мехонданд,
тӯъмаи оташ гардидааст,
ва ҳар он чи барои мо азиз буд, харобазор шудааст+.
12 Оё баъд аз ҳамаи ин, эй Худованд, боз худдорӣ менамоӣ?
Ва хомӯш монда, моро бениҳоят хорузор мекунӣ?

## Ҷавоби Худованд ба дуо.

5 [1] Ман барои онҳое ки Маро намепурсиданд, муҳайё будам;
барои онҳое ки Маро намеҷустанд, ёфт мешудам;
ба қавме ки намехостанд ба исми Ман номида шаванд,
мегуфтам: «Инак Ман ҳозирам, инак Ман ҳозирам!»
[2] Тамоми рӯз Ман дастҳои Худро сӯи қавми саркаше дароз мекардам,
ки аз паи фикрҳои худ бо роҳи нодуруст мерафтанд,+
[3] Сӯи қавме ки Маро доимо рӯйрост ба ғазаб меоваранд,
дар боғҳо қурбонӣ мекунанд, ва бар хиштҳо бухур месӯзонанд,+
[4] Дар миёни қабрҳо менишинанд, ва дар мағораҳо
шаб мегузаронанд;
гӯшти хук мехӯранд,
ва хӯриши зиште дар зарфҳои онҳост;+
[5] Ва мегӯянд: «Дар ҷои худ биист, ба ман наздик нашав,
зеро ки ман аз ту муқаддастарам!»
Инҳо дуде дар бинии Ман мебошанд,
ва оташе ки тамоми рӯз фурӯзон аст.
[6] Инак пеши Ман навишта шудааст:
«Хомӯш нахоҳам монд, то даме ки сазое бидиҳам, —
ва сазои онҳоро хоҳам дод+
[7] Барои гуноҳҳои шумо ва гуноҳҳои падарони шумо бо якҷоягӣ, —
мегӯяд Худованд, —
ки онҳо бар кӯҳҳо бухур месӯзониданд,
ва бар теппаҳо Маро хорӣ медоданд;
ва Ман подоши онҳоро аввал андоза карда,
ба онҳо хоҳам расонид».
[8] Худованд чунин мегӯяд: «Чунон ки ширае дар хӯшаи ангур ёфт
мешавад,
ва мегӯянд: „Онро нобуд накун, зеро ки баракат
дар он аст“ —
ончунон Ман ба хотири бандагони Худ
амал хоҳам кард,
то ки ҳамаашонро нобуд насозам+.
[9] Ва насле аз Яъқуб, ва ворисе аз Яҳудо
барои кӯҳҳои Худ ба вуҷуд хоҳам овард,

ва баргузидагони Ман онро мерос хоҳанд гирифт,
ва бандагони Ман дар он ҷо сокин хоҳанд шуд.
10 Ва Шорӯн чарогоҳи гӯсфандон,
ва водии Охӯр макони фароғати говон барои қавми Ман, ки Маро
талабидаанд, хоҳад шуд+.
11 Валекин шумо, ки Худовандро тарк карда,
кӯҳи муқаддаси Маро аз хотир баровардаед,
барои Ҷод* суфра ороста менамоед,
ва барои Манот* косаҳоро аз машруботи дорувордор пур мекунед, —
12 Шуморо Ман ба дами шамшер хоҳам супурд, ва ҳамаатон барои
куштор зону хоҳед зад,
чунки Ман даъват намудам, шумо ҷавоб нададед,
Ман сухан рондам, шумо нашнидед,
балки он чи дар назари Ман бад буд, ба амал овардед,
ва он чи Ман нахостам, ихтиёр кардед»+.
13 Бинобар ин Худованд Худо чунин мегӯяд: «Инак,
бандагони Ман хоҳанд хӯрд,
вале шумо гурусна хоҳед монд;
инак, бандагони Ман хоҳанд нӯшид,
вале шумо ташна хоҳед монд;
инак, бандагони Ман шодӣ хоҳанд кард,
вале шумо хиҷил хоҳед шуд;+
14 Инак, бандагони Ман аз хушии дил тараннум хоҳанд намуд,
вале шумо аз дарди дил фарьёд хоҳед зад,
ва аз шикастагии рӯҳ вовайло хоҳед кард+.
15 Ва номи худро дар миёни баргузидагони Ман барои лаънат боқӣ
хоҳед гузошт;
ва Худованд Худо туро ба қатл хоҳад расонид,
ва бандагони Худро ба исми дигар хоҳад номид+.
16 Пас, ҳар кӣ бар замин фотиҳа диҳад,
ба Худои ҳақ фотиҳа хоҳад дод,
ва ҳар кӣ бар замин қасам хӯрад,
ба Худои ҳақ қасам хоҳад хӯрд,
зеро ки андӯҳҳои пештара фаромӯш гардида,
аз чашмони Ман пинҳон шудааст+.

## Бараками абадӣ ба Исроил дар замини нав.

17 Зеро, инак Ман осмони нав ва замини нав меофарам,
ва чизҳои пештара ба хотир нахоҳад расид,
ва ба дил нахоҳад омад;+
18 Балки аз он чи Ман меофарам, шодӣ кунед ва то абад ба ваҷд оед:
зеро, инак Ман Ерусалимро ҳамчун манбаи ваҷд,
ва қавми онро ҳамчун манбаи шодӣ меофарам.
19 Ва аз Ерусалим ба ваҷд хоҳам омад, ва аз қавми Худ шодӣ хоҳам кард;
ва дар он дигар овози гирья
ва овози фиғон шунида нахоҳад шуд+.
20 Дар он ҷо дигар хурдсоле ва пире нахоҳад буд,
ки ба пурии рӯзҳои худ нарасида бошад,
зеро касе ки дар синни садсолагӣ бимирад,
ҷавон ҳисоб меёбад,
ва агар гуноҳкор дар синни садсолагӣ бимирад,
ба лаънат дучор мешавад.
21 Ва хонаҳо бино карда, дар онҳо сокин хоҳанд шуд,
ва токҳо шинонда, меваи онҳоро хоҳанд хӯрд+.
22 Онҳо бино нахоҳанд кард барои он ки дигарон сокин шаванд;
онҳо нахоҳанд шинонд барои он ки дигарон бихӯранд;
зеро ки рӯзҳои қавми Ман мисли рӯзҳои дарахт хоҳад буд,
ва баргузидагони Ман аз амали дастҳои худ
то ба охир истифода хоҳанд бурд+.
23 Бар абас онҳо меҳнат нахоҳанд кард,
ва барои изтироб нахоҳанд зоид,
зеро ки онҳо, ва зурьёташон бо онҳо,
насли муборакии Худованд мебошанд+.

24 Ва воқеъ хоҳад шуд, ки пеш аз он ки онҳо бихонанд, Ман ҷавоб хоҳам дод, ва пеш аз он ки онҳо сухане гӯянд, Ман хоҳам шунид+.

25 Гург ва барра бо ҳам хоҳанд чарид, ва шер мисли гов коҳ хоҳад хӯрд, ва ғизои мор хок хоҳад буд; онҳо дар тамоми кӯҳи муқаддаси Ман бадӣ нахоҳанд кард ва осебе нахоҳанд расонид», — мегӯяд Худованд+.

## Давоми сухан дар бораи баракам.

6 [1] Худиванд чунин мегӯяд:
«Осмон курсии Ман аст, ва замин — қадамгоҳи Ман;
чӣ гуна хонае барои Ман бино хоҳед кард,
ва чӣ гуна маконе барои оромиши Ман+?
[2] Ва ҳамаи ин чизҳоро дасти Ман офаридааст,
ва ҳамаи онҳо ба вуҷуд омадааст, — мегӯяд Худованд. —
Ва Ман бар инҳо назар хоҳам кард:
бар мискин ва шикастарӯҳ, ва бар касе ки
пеши каломи Ман ба ларза меояд+.
[3] Касе ки гове мекушад, мисли одамкуш аст;
касе ки баррае забҳ менамояд, мисли касест,
ки гардани сагро шикаста бошад;
касе ки ҳадияи ордӣ меоварад, мисли касест,
ки хуни хукро оварда бошад;
касе ки лебӯно месӯзонад, мисли касест,
ки пеши буте дуо гуфта бошад;
чунон ки онҳо роҳҳои худро ихтиёр кардаанд,
ва ҷонашон корҳои зишташонро хостааст,+
[4] Ончунон Ман азиятҳои онҳоро ихтиёр хоҳам кард,
ва бимҳои онҳоро бар сарашон хоҳам овард,
зеро ки Ман даъват намудам, касе ҷавоб надод,
Ман сухан рондам, онҳо нашниданд,
балки он чи дар назари Ман бад буд, ба амал оварданд,
ва он чи Ман нахостам, ихтиёр карданд»+.
[5] Каломи Худовандро бишнавед, эй онҳое ки пеши каломи Ӯ
меларзед!
«Бародарони шумо, ки аз шумо нафрат доранд,
ва шуморо ба хотири исми Ман рад кардаанд,
мегӯянд: „Бигзор Худованд ҷалоли Худро
зоҳир намояд, ва мо шодмонии шуморо бинем“.
Вале онҳо хиҷил хоҳанд шуд.
[6] Овози ғулғула аз шаҳр, овозе аз маъбад меояд:
овози Худованд аст, ки душманони Худро сазо медиҳад.
[7] Пеш аз он ки дарди зоиш бикашад, зоидааст;

пеш аз он ки дард варо фаро гирад,
писаре ба дуньё овардааст+.
8 Кист, ки чизеро мисли ин шунида бошад? Кист, ки чизҳоеро мисли
ин дида бошад?
Оё мамлакате дар як рӯз таваллуд меёбад?
Оё халқе якбора зоида мешавад?
Зеро ки Сион, дарди зоишро ҳис кардан замон,
писарони худро зоидааст.
9 Оё Ман ба дами зоиш мерасонаму намезоёнам?
— мегӯяд Худованд. —
Оё Ман, ки Волид ҳастам, аз зоидан бозмедорам? —
мегӯяд Худои ту.
10 Бо Ерусалим дилхушӣ кунед ва аз он ба ваҷд оед,
эй ҳамаи онҳое ки онро дӯст медоред!
Бо якҷоягии он шодии бисьёр кунед, эй ҳамаи онҳое ки барояш
мотам доштед,
11 То ки аз синаи тасаллиҳои он ғизо гиред ва сер шавед;
то ки аз пистони ҷалоли он бимакед ва лаззат гиред».
12 Зеро ки Худованд чунин мегӯяд: «Инак, Ман осоиштагиро мисли
наҳр,
ва ҷалоли халқҳоро мисли селоби саршор сӯи он равона мекунам, ва
шумо ғизо хоҳед гирифт;
дар канор гирифта хоҳед шуд, ва бар зонуҳо навозиш хоҳед ёфт+.
13 Чунон ки инсонро модараш тасаллӣ медиҳад,
ончунон Ман шуморо тасаллӣ хоҳам дод,
ва шумо дар Ерусалим тасаллӣ хоҳед ёфт»+.
14 Ва инро хоҳед дид, ва дили шумо шод хоҳад шуд,
ва устухонҳои шумо мисли алаф сабз хоҳад шуд;
ва дасти Худованд бар бандагони Ӯ зоҳир хоҳад гардид,
ва Ӯ бар душманони Худ ғазаб хоҳад кард.
15 Зеро, инак, Худованд дар оташ хоҳад омад,
ва аробаҳои Ӯ мисли тундбод хоҳад буд,
то ки бо шиддати хашми Худ подош диҳад,
ва итоби Худро бо шӯълаҳои оташ бишнавонад+.
16 Зеро ки Худованд бо оташ ва шамшери Худ
бар тамоми башар доварӣ хоҳад кард,

ва мақтулони Худованд бисьёр хоҳанд буд+.
[17] «Онҳое ки аз қафои як нафар, ки дар миёна бошад,
ба боғот рафта,
худро тақдис ва татҳир мекунанд,
ва гӯшти хук ва ҳайвонҳои наҷис ва муш мехӯранд,
якҷоя талаф хоҳанд шуд, — мегӯяд Худованд+.
[18] Ва Ман, ки аз аъмол ва фикрҳои онҳо воқиф ҳастам, хоҳам омад,
то ки ҳамаи халқҳо ва забонҳоро фароҳам оварам, ва онҳо омада,
ҷалоли Маро хоҳанд дид+.
[19] Ва Ман дар миёни онҳо аломате ба амал хоҳам овард, ва
онҳоеро, ки аз байнашон растагор шуда бошанд, сӯи халқҳо: ба
Таршиш, ба Фул ва Луд, ки камонгир ҳастанд, ба Тубол ва Юнон, ба
ҷазираҳои дурдаст, ки овозаи Маро нашнидаанд ва ҷалоли Маро
надидаанд, хоҳам фиристод, ва онҳо ҷалоли Маро дар миёни халқҳо
хабар хоҳанд дод.
[20] Ва ҳамаи бародарони шуморо аз ҷониби ҳамаи халқҳо бар аспон
ва аробаҳо ва тахтҳои равон, ва бар хачирон ва шутурони бидав ба
кӯҳи муқаддаси Ман — Ерусалим — барои Худованд ҳадия хоҳанд
овард, — мегӯяд Худованд, — мисли он ки банӣ-Исроил ҳадияро ба
хонаи Худованд дар зарфи пок меоваранд+.
[21] Ва аз онҳо низ ба вазифаи коҳинон ва левизодагон хоҳам
гирифт, — мегӯяд Худованд+.
[22] Зеро, чунон ки осмони нав ва замини наве ки Ман меофарам,
дар хузури Ман поянда хоҳад монд, — мегӯяд Худованд, —
органон насли шумо ва номи шумо поянда хоҳад буд+.
[23] Ва воқеъ хоҳад шуд, ки дар ҳар навмоҳ
ва дар ҳар шанбе ҳар башар хоҳад омад,
то ки ба ҳузури Ман саҷда кунад, — мегӯяд Худованд.
[24] Ва чун берун оянд, ҷасадҳои мардуми
ба Ман осишударо хоҳанд дид:
зеро кирми онҳо намемирад,
ва оташи онҳо хомӯш намешавад,
ва онҳо барои ҳар башар зишт хоҳанд буд»+.

* 5:10 **ҷуфт** — андозаи киштзор буд, ки онро як ҷуфт барзагов дар як рӯз шудгор мекард.

* 5:10 **Ҳӯмер** — 400 килограмм.

* 6:2 **Сорофиён** — навъе аз малоик.

* 8:1 Ба гирифтани ғанимат мекӯшад, ба тороҷ кардан мешитобад.

* 29:1 Ерусалим дар назар дошта шудааст.

* 29:21 **Дарвоза** — ҷои нишасти довар аст, ки дар майдони пеши дарвозаи шаҳр буд.

* 30:33 **Тӯфет** — дар замони қадим дар ҷануби Ерусалим ҷое будааст, ки мардуми бутпараст кӯдакони худро барои бутҳо қурбонӣ мекардаанд.

* 38:8 **Зинаҳои Оҳоз** — соати офтобие ки дар замони подшоҳ Оҳоз сохта буданд; он аз ду қатор зинаҳо иборат буда, назди ҳар қатор деворе буд, ва аз рӯи сояе ки аз девор бар зинаҳо меафтод, соатро мефаҳмиданд.

* 57:9 **Мӯлик** — худои қадими канъониён, ки барояш фарзандони худро қурбонӣ мекарданд.

* 65:11 **Ҷод** — бути бахт (мувофиқи ақидаи баъзе қабилаҳои қадим).

* 65:11 **Манот** — бути тақдир (ҳамчунин).

---

+ 1:1 Ҳуш. 1:1, Ом. 1:1, Мик. 1:1

+ 1:2 Так. Шар. 32:1, Ирм. 22:29

+ 1:3 Ирм. 5:4, Ирм. 8:7

+ 1:6 Заб. 37:4, Луқ. 10:34

+ 1:7 Так. Шар. 28:51

+ 1:9 Ҳас. 19:24, Рум. 9:29

+ 1:10 Ҳас. 18:20, Ирм. 23:14, Ҳиз. 16:46

+ 1:11 1 Подш. 15:22, Мас. 15:8, Ҳуш. 6:6

+ 1:12 Хур. 23:17, Хур. 34:23, Воиз 4:17

+ 1:13 Ирм. 6:20, Ом. 5:21-22, Мал. 1:10, Ад. 28:1-15

+ 1:15 Ирм. 4:31, Нав. 1:17, 1 Подш. 8:18, Мас. 1:28, Ирм. 11:11, Мик. 3:4, Мас. 6:17, Иш. 59:3

+ 1:16 Заб. 50:4, Ирм. 4:14, Яъқ. 4:8

+ 1:17 Хур. 22:22, Ирм. 21:12, Ирм. 22:3, Мик. 6:8, Зак. 7:9-10, Яъқ. 1:27

+ 1:18 Заб. 50:9, Иш. 44:22

+ 1:19 Так. Шар. 30:16

+ 1:20 Айюб 27:14

+ 1:21 Иб. 17:7, Ҳиз. 16:15, Ҳиз. 23:3

+ 1:22 Ирм. 6:30, Ҳиз. 22:19-20

+ 1:23 Мик. 3:11, Мик. 7:3, Ирм. 5:28, Зак. 7:10

+ 1:24 Так. Шар. 32:41, Ирм. 46:10

+ 1:25 Ҳиз. 22:18, Зак. 13:9, Мал. 3:2-3

+ 1:26 Зак. 8:3

+ 1:28 Заб. 1:6

+ 1:29 Иш. 65:3, Иш. 66:17

+ 1:30 Ирм. 8:13

+ 1:31 Иш. 66:24

● 2:1 *Мик. 4:1-3*

+ 2:3 Иш. 56:7, Иш. 60:3, Иш. 66:20, Мал. 1:11, Иш. 27:13, Ирм. 31:6, Зак. 8:20-22

+ 2:4 Юил 3:10, Ҳиз. 39:9, Ҳуш. 2:18, Зак. 9:10

+ 2:5 Иш. 60:1, 1 Юҳ. 1:7, Эфс. 5:8

+ 2:7 Иш. 39:2, Так. Шар. 17:16-17

+ 2:8 Ирм. 2:28, Иш. 44:9-17

+ 2:10 Саф. 2:3, 2 Тас. 1:9

+ 2:11 Иш. 5:15-16

+ 2:13 Ҳиз. 27:6, Ҳиз. 31:3, Зак. 11:1-2

+ 2:16 Заб. 47:8, Ҳиз. 27:25

+ 2:19 Айюб 9:6, Иш. 13:13, Ҳаҷ. 2:6, Ваҳй 6:15

+ 2:20 Иш. 30:22, Иш. 31:7

+ 2:22 Заб. 145:3-4

+ 3:1 Иб. 26:26, Ҳиз. 4:16

+ 3:5 Мик. 7:3-6

+ 3:9 Ҳас. 13:13, Ҳас. 18:20

+ 3:10 Мас. 12:14, Ирм. 22:15

+ 3:13 Заб. 9:9, Заб. 81:1, Иш. 2:4, Юил 3:12

+ 3:14 Ҳуш. 4:1, Мик. 6:2, Ом. 3:10

+ 3:15 Заб. 93:5

+ 3:16 Иш. 32:9, Ом. 6:1, Саф. 1:12

+ 3:18 Дов. 8:21

+ 3:26 Ирм. 14:2, Айюб 2:3

+ 4:2 Ирм. 23:5, Ирм. 33:15, Зак. 3:8, Зак. 6:12

+ 4:3 Уб. 1:17

+ 4:4 Ҳиз. 36:25, Юил 3:21

+ 4:5 Хур. 13:21, Зак. 2:5

+ 4:6 Иш. 25:4

+ 5:1 Заб. 79:9, Ирм. 2:21, Ҳуш. 9:10, Мат. 21:33, Юҳ. 15:1

+ 5:5 Ирм. 5:10, Ирм. 39:8

+ 5:6 Иш. 7:23-24, 3 Подш. 17:1

+ 5:7 Заб. 79:9

+ 5:8 Мик. 2:2

+ 5:11 Мас. 23:20-21

+ 5:12 Заб. 27:5

+ 5:13 Иш. 1:3, Ҳуш. 4:6

+ 5:14 Заб. 140:7

+ 5:15 Иш. 2:11, Иш. 2:17

+ 5:19 Ирм. 17:15, Ҳиз. 12:22, 2 Пет. 3:4

+ 5:20 Айюб 17:12, Мал. 2:17

+ 5:21 Мас. 3:7

+ 5:23 Хур. 23:7, Мас. 17:15, Мас. 24:24

+ 5:24 Иш. 47:14

+ 5:25 Ирм. 4:24, Иш. 9:12, Иш. 9:17, Иш. 9:21, Иш. 10:4

+ 5:26 Так. Шар. 28:49, Иш. 11:10, Иш. 11:12

+ 5:28 Ирм. 4:13

+ 5:29 Ирм. 2:15, Наҳум 2:11

+ 5:30 Воиз 12:2, Иш. 8:22, Ирм. 4:23, Нав. 3:2

+ 6:1 2 Вак. 26:23, 3 Подш. 22:19, Дон. 7:9, Ваҳй 4:2

+ 6:2 Ҳиз. 1:11, Ваҳй 4:8

+ 6:3 Ад. 14:21, Заб. 71:19, Иш. 11:9, Ҳаб. 2:14, Ваҳй 4:8

+ 6:4 3 Подш. 8:10, Ваҳй 15:8

+ 6:7 Ирм. 1:9, Дон. 10:16

+ 6:9 Так. Шар. 29:4, Ирм. 5:21, Мат. 13:14-15, Марқ. 4:12, Аъм. 28:26-27

+ 6:10 Ирм. 5:21, Юҳ. 12:40

+ 6:13 Так. Шар. 7:6

+ 7:1 4 Подш. 16:1, 4 Подш. 15:37, 4 Подш. 16:5, 2 Вак. 28:5

+ 7:3 4 Подш. 18:17, Иш. 36:2

+ 7:7 Иш. 8:10

+ 7:14 Иш. 37:30, Иш. 38:7, Мат. 1:23

+ 7:17 3 Подш. 12:16-17

+ 7:18 Иш. 5:26

+ 7:20 4 Подш. 18:13, Иш. 36:1

+ 7:24 Иш. 5:6, Иш. 32:13

+ 8:1 Так. Шар. 27:8, Иш. 30:8, Ҳаб. 2:2

+ 8:2 4 Подш. 16:10

+ 8:4 Иш. 7:8-9

+ 8:6 Иш. 7:1, Иш. 7:4

+ 8:7 Иш. 7:20

+ 8:8 Иш. 30:28, Дон. 11:10

+ 8:10 Иш. 7:7

+ 8:12 1 Пет. 3:14

+ 8:14 Ҳиз. 11:16, Иш. 28:16, 1 Пет. 2:8

+ 8:16 Иш. 29:11, Дон. 12:4, Ваҳй 5:1, Ваҳй 10:4, Ваҳй 22:10

+ 8:17 Иш. 26:14

+ 8:18 Ибр. 2:13, Иш. 20:3

+ 8:19 Иб. 19:31, Иш. 19:13, 1 Подш. 28:11-14

+ 8:20 Иш. 60:2

+ 8:21 Хур. 22:28

+ 8:22 Иш. 5:30, Наҳум 1:8

+ 9:1 4 Подш. 15:29, 2 Вак. 16:4

+ 9:2 Иш. 42:6-7, Иш. 49:6, Мат. 4:15-16, Луқ. 1:79

+ 9:3 Иш. 26:15

+ 9:4 Дов. 7:19-25, Иш. 10:26

+ 9:5 Иш. 2:4, Ҳиз. 39:9, Ҳуш. 2:18, Мик. 4:3

+ 9:6 Иш. 26:12, Мик. 5:5

+ 9:7 Заб. 88:4, Луқ. 1:32, 2 Подш. 7:13, 4 Подш. 19:31, Иш. 37:32

+ 9:11 Иш. 7:1, Иш. 8:6

+ 9:12 4 Подш. 16:6, 2 Вак. 28:18, Иш. 5:25, Иш. 10:4

+ 9:13 Ирм. 2:30

+ 9:14 Так. Шар. 28:13, Иш. 19:15

+ 9:15 Мик. 3:5

+ 9:17 Иш. 5:25

+ 9:19 Иш. 24:6

+ 9:20 Иб. 26:26

+ 9:21 Иш. 5:25

+ 10:1 Ирм. 8:8

+ 10:2 Хур. 22:31, Хур. 23:6, Ом. 2:7, Айюб 22:9, Заб. 93:6, Ҳиз. 22:7

+ 10:4 Иш. 5:25, Иш. 9:12

+ 10:5 Ҳаб. 1:12

+ 10:6 Иш. 9:17

+ 10:7 Мик. 4:12

+ 10:9 Ом. 6:2

+ 10:11 4 Подш. 18:33-35, Иш. 36:18-20, Иш. 37:12

+ 10:12 4 Подш. 19:35-37, Иш. 37:36-38

+ 10:13 Так. Шар. 32:27

+ 10:16 Заб. 105:15

+ 10:17 Иш. 27:4, Иш. 33:12

+ 10:22 Ҳас. 22:17

+ 10:23 Иш. 28:22, Рум. 9:27-28

+ 10:24 4 Подш. 19:6, Иш. 37:6

+ 10:26 Дов. 7:22, Дов. 7:25, Иш. 9:4, Хур. 14:27-30

+ 10:27 Наҳум 1:13

+ 10:28 1 Подш. 14:2

+ 10:29 1 Подш. 13:23, 1 Подш. 7:17, 1 Подш. 11:4

+ 10:30 1 Подш. 25:44, Еҳ. 21:18, Ирм. 1:1

+ 10:32 1 Подш. 21:1

+ 10:33 Иш. 10:18, Ҳиз. 31:3, Ом. 2:9

+ 11:2 Иш. 42:1, Иш. 61:1, Мат. 3:16

+ 11:4 Заб. 71:2, Заб. 71:4, Айюб 4:9, Заб. 138:19, 2 Тас. 2:8, Ваҳй 2:16

+ 11:6 Иш. 65:25

+ 11:9 Иш. 65:25, Ад. 14:21, Заб. 71:19, Ҳаб. 2:14

+ 11:10 Так. Шар. 28:49, Иш. 5:26, Иш. 49:22, Иш. 62:11, Ваҳй 5:5, Ваҳй 22:16, Рум. 15:12

+ 11:11 Ҳуш. 11:11, Мик. 7:12, Зак. 7:10

+ 11:12 Так. Шар. 30:3, Ирм. 32:37, Ҳиз. 11:17, Саф. 3:20

+ 11:13 2 Подш. 19:41-43, Ирм. 3:18, Ҳиз. 37:16-17, Ҳуш. 1:11

+ 11:14 Ирм. 49:28

+ 11:15 Иш. 7:20, Ваҳй 16:12

+ 11:16 Хур. 14:29, Иш. 19:23

+ 12:1 Иш. 11:11

+ 12:2 Хур. 15:2, Заб. 117:13

+ 12:4 1 Вақ. 16:8, Заб. 104:1, Заб. 8:2-3

+ 12:5 Хур. 15:1

+ 12:6 Саф. 3:14, Зак. 2:10, Зак. 9:9, Заб. 45:6, Ҳуш. 11:9

+ 13:1 Иш. 21:1, Иш. 47:1, Ирм. 50:1

+ 13:2 Иш. 5:6

+ 13:5 Ирм. 50:24

+ 13:6 Ҳиз. 30:3, Юил 1:15, Уб. 1:15, Саф. 1:7

+ 13:7 Ҳиз. 7:17

+ 13:8 Иш. 42:14, Ирм. 4:31, Ирм. 30:6, Мик. 4:9-10

+ 13:9 Иш. 24:1

+ 13:10 Иш. 24:23, Ҳиз. 32:7-8, Юил 2:31, Мат. 24:29, Ваҳй 6:12

+ 13:11 Иш. 2:11

+ 13:12 Ҳас. 10:29, 3 Подш. 9:28, 1 Вақ. 29:4, Айюб 22:24, Заб. 44:8

+ 13:13 Айюб 9:6, Ҳаҷ. 2:6

+ 13:14 Ирм. 50:16

+ 13:16 4 Подш. 8:12, Заб. 136:9, Наҳум 3:10, Нав. 5:11, Зак. 14:2

+ 13:17 Иш. 21:12, Ирм. 51:11, Ирм. 51:28, Дон. 5:31

+ 13:18 Ирм. 50:29

+ 13:19 Ҳас. 19:24, Так. Шар. 29:23, Ирм. 49:18, Саф. 2:9

+ 13:20 Ирм. 51:37, Ирм. 3:2

+ 13:21 Айюб 30:29, Иш. 34:13, Ирм. 50:39, Мик. 1:8

+ 14:1 Зак. 1:17, Ҳиз. 47:22, Эфс. 2:12-14

+ 14:2 Иш. 49:22, Иш. 66:20

+ 14:4 Ҳаб. 2:6

+ 14:8 Ҳиз. 31:16-17

+ 14:12 Ваҳй 9:1, Ваҳй 12:8-9

+ 14:13 Ирм. 51:53

+ 14:14 Ҳиз. 28:2, 2 Тас. 2:4

+ 14:15 Айюб 20:6-7, Нав. 2:1, Мат. 11:23

+ 14:17 Ирм. 50:33

+ 14:20 Заб. 36:28

+ 14:23 Иш. 34:11

+ 14:25 Иш. 10:5, Иш. 37:36, Наҳум 3:7, Саф. 2:13, Иш. 10:27, Наҳум 1:13

+ 14:27 Айюб 9:13, Айюб 23:13, Дон. 4:32

+ 14:28 4 Подш. 16:20

+ 14:32 Саф. 3:12

+ 15:1 Иш. 25:10, Ирм. 48:1, Ҳиз. 25:8, Ом. 2:1, Саф. 2:8, Ад. 21:15, Так. Шар. 2:9, Так. Шар. 2:18, Так. Шар. 2:29

+ 15:2 Ад. 21:30, Ад. 32:38, Ҳиз. 7:18

+ 15:4 Ад. 32:37, Ирм. 48:34

+ 15:5 Ирм. 48:5

+ 16:1 4 Подш. 14:7

+ 16:2 Дов. 11:18

+ 16:5 Иш. 32:1

+ 16:6 Ирм. 48:29

+ 16:7 4 Подш. 3:25, Ирм. 48:31-34

+ 16:8 Ад. 21:32

+ 16:9 Ад. 32:37, Ирм. 48:34

+ 16:11 Ирм. 4:19

+ 16:14 Иш. 21:16, Иш. 21:16, Ирм. 48:13

+ 17:1 Иш. 7:8-9, Ирм. 49:23, Ом. 1:3, Зак. 9:1

+ 17:2 Так. Шар. 28:26, Ирм. 7:33

+ 17:5 2 Подш. 5:18

+ 17:6 Иш. 24:13, Мик. 7:1

+ 17:8 Иш. 27:9, Мик. 5:13

+ 17:9 Мик. 5:11

+ 17:10 Так. Шар. 32:18, Заб. 105:21, Ирм. 2:32

+ 17:12 Заб. 64:8

+ 18:3 Иш. 5:26

+ 18:4 Заб. 10:4

+ 19:1 Ирм. 46:2, Ҳиз. 29:2, Юил 3:19, Заб. 17:10, Заб. 103:3, Хур. 12:12, Ад. 33:4

+ 19:2 Дов. 7:22

+ 19:3 Заб. 32:10, Иш. 8:19

+ 19:4 Ирм. 46:13, Ҳиз. 29:19

+ 19:5 Айюб 14:11

+ 19:6 Ҳиз. 30:12

+ 19:11 Ад. 13:22, Заб. 77:12, Заб. 77:43

+ 19:12 3 Подш. 4:30

+ 19:13 Ҳиз. 30:13

+ 19:14 Ирм. 48:26

+ 19:15 Иш. 9:14-15

+ 19:16 Ирм. 50:37, Ирм. 51:30, Наҳум 3:13

+ 19:18 Саф. 3:9

+ 19:19 Ҳас. 28:18-19

+ 19:21 Юн. 1:16, Зак. 14:16-18

+ 19:22 Ирм. 46:26, Ҳиз. 29:13

+ 19:23 Иш. 11:16

+ 19:24 Ҳас. 12:2-3

+ 20:1 1 Подш. 5:1

+ 20:2 1 Подш. 19:24, Мик. 1:8, Мик. 1:11

+ 20:3 Иш. 8:18

+ 20:4 Наҳум 3:10

+ 21:1 Иш. 13:1, Иш. 47:1, Ирм. 50:1, Ирм. 51:42, Ирм. 51:1

+ 21:2 Иш. 24:16, Иш. 33:1, Ҳас. 14:1, Ирм. 49:34, Ҳиз. 32:24, Дон. 8:2, Иш. 13:17, Дон. 5:31

+ 21:3 Иш. 13:8

+ 21:6 Ирм. 6:17, Ҳиз. 3:17, Ҳиз. 33:2, Ҳуш. 9:8

+ 21:8 Ҳаб. 2:1

+ 21:9 1 Подш. 5:4, Ирм. 50:2, Ирм. 51:8

+ 21:10 Ирм. 51:33, Ом. 1:3

+ 21:14 Ҳас. 25:15, Айюб 6:19, Ирм. 25:23

+ 21:16 Иш. 16:14

+ 22:2 Иш. 32:13, Нав. 4:9

+ 22:4 Ирм. 9:1, Мик. 1:8

+ 22:6 Иш. 21:2, 4 Подш. 16:9, Ом. 1:5, Ом. 9:7

+ 22:9 2 Подш. 5:7

+ 22:12 Мик. 1:16, 2 Подш. 3:31

+ 22:13 Иш. 56:12, 1 Қӯр. 15:32

+ 22:15 4 Подш. 18:18, Иш. 36:3, Иш. 37:2

+ 22:16 2 Вак. 16:14

+ 22:20 4 Подш. 18:18, 4 Подш. 19:2

+ 22:22 Мат. 16:18, Ваҳй 3:7-8

+ 23:1 Ирм. 47:4, Ҳиз. 26:2, Юил 3:4, Ом. 1:9, Зак. 9:2, 3 Подш. 10:22, Юн. 1:3

+ 23:2 Ҳас. 10:15, Еҳ. 19:28

+ 23:3 Ҳиз. 27:3-36

+ 23:11 Хур. 14:21

+ 23:13 Иш. 47:1

+ 23:15 Ирм. 25:11, Ирм. 25:22

+ 23:17 Ваҳй 17:1-2

+ 24:1 Иш. 13:9

+ 24:2 Ҳуш. 4:9

+ 24:4 Ирм. 4:28, Ҳуш. 4:3, Юил 1:10

+ 24:5 Ад. 35:33

+ 24:6 Так. Шар. 29:27, Зак. 5:3, Иш. 9:19

+ 24:7 Юил 1:10

+ 24:8 Ирм. 7:34, Ирм. 16:9, Ҳиз. 26:13, Ҳуш. 2:11

+ 24:11 Юил 1:12

+ 24:13 Иш. 17:6, Мик. 7:1

+ 24:16 Иш. 21:2, Иш. 33:1

+ 24:17 Ирм. 48:43-44, Нав. 3:47

+ 24:18 Ом. 5:19, Ҳас. 7:11, Заб. 17:8

+ 24:20 Айюб 12:25, Заб. 106:27, Иш. 29:9

+ 24:23 Заб. 92:1, Иш. 13:10

+ 25:1 Хур. 15:2

+ 25:2 Ирм. 9:11

+ 25:4 Иш. 4:6, Юил 3:16

+ 25:6 Иш. 2:2-3

+ 25:8 1 Қўр. 15:54-55, Ваҳй 7:17, Ваҳй 21:4

+ 25:9 Заб. 9:15

+ 25:10 Иш. 15:1, Ирм. 48:1, Ҳиз. 25:8, Ом. 2:1, Саф. 2:8

+ 26:2 Заб. 23:7, Заб. 117:19-20

+ 26:4 Так. Шар. 32:18, Иш. 17:10, Иш. 44:8

+ 26:7 Заб. 36:23

+ 26:9 Заб. 62:2, 1 Вақ. 16:14, Заб. 104:7

+ 26:11 Мик. 7:16, Заб. 20:10, Ибр. 10:27

+ 26:12 Иш. 9:6, Мик. 5:5

+ 26:13 Хур. 1:11, Дов. 3:8

+ 26:14 Воиз 9:5

+ 26:15 Иш. 9:3

+ 26:17 Иш. 13:8, Юҳ. 16:21

+ 26:19 Ҳиз. 37:12, Дон. 12:2

+ 26:20 Иш. 2:10, Саф. 2:3

+ 26:21 Мик. 1:3

+ 27:1 Так. Шар. 32:41

+ 27:2 Иш. 5:7

+ 27:4 Иш. 27:4

+ 27:6 Иш. 37:31, Ҳуш. 14:6

+ 27:8 Хур. 15:8, Айюб 4:9, Иш. 11:4

+ 27:9 4 Подш. 18:4, Иш. 17:8

+ 27:10 Иш. 17:9, Мик. 5:11

+ 27:11 Так. Шар. 32:28

+ 27:13 Мат. 24:31, 1 Тас. 4:16, Ваҳй 11:15, Иш. 11:11, Мик. 7:12

+ 28:2 Иш. 28:17, Ҳиз. 13:11, Ҳиз. 38:22

+ 28:6 3 Подш. 3:28

+ 28:7 Ҳуш. 4:11

+ 28:10 Ирм. 6:10

+ 28:11 Так. Шар. 28:49, Иш. 33:19, 1 Қўр. 14:21

+ 28:13 Иш. 8:14-15

+ 28:14 Мас. 3:34, Мас. 21:24

+ 28:16 Заб. 86:2, Заб. 117:22, Зак. 3:9, Рум. 9:33, Рум. 10:11, 1 Пет. 2:6

+ 28:17 Иш. 28:2, Ҳиз. 38:22

+ 28:21 Еҳ. 10:10, 2 Подш. 5:20

+ 28:22 Иш. 10:23

+ 28:29 Ирм. 32:19, Рум. 11:33

+ 29:1 2 Подш. 5:9

+ 29:3 4 Подш. 25:1, Ҳиз. 4:2

+ 29:6 Хур. 19:16-18, 3 Подш. 19:11-12

+ 29:7 Айюб 20:8

+ 29:9 Иш. 24:20

+ 29:10 Рум. 11:8

+ 29:11 Иш. 8:16, Дон. 12:4, Ваҳй 5:1, Ваҳй 10:4, Ваҳй 22:10

+ 29:13 Заб. 77:36, Ирм. 12:2, Мат. 15:9, Марқ. 7:7, Қӯл. 2:22

+ 29:14 1 Қӯр. 1:19

+ 29:15 Ҳиз. 8:12, Ҳиз. 9:9

+ 29:16 Иш. 29:16, Ирм. 18:6, Рум. 9:20-24

+ 29:18 Иш. 32:2, Иш. 35:5

+ 29:19 Иш. 61:1

+ 29:21 Ом. 5:10

+ 29:22 Иш. 51:2

+ 30:2 Иш. 31:1, Иш. 36:6, Ирм. 2:18

+ 30:3 4 Подш. 18:21, Иш. 22:20

+ 30:4 Ад. 13:22, Иш. 19:11

+ 30:5 Ирм. 2:36

+ 30:7 Иш. 36:6, Ирм. 46:17

+ 30:8 Так. Шар. 27:8, Айюб 19:23, Иш. 8:1, Ҳаб. 2:2

+ 30:10 Ирм. 11:21, Ом. 2:11, Мик. 2:6, Ҳиз. 13:8-9

+ 30:13 Мас. 6:15

+ 30:14 Заб. 2:9, Воиз 12:6, Ирм. 19:11

+ 30:17 Иб. 26:8, 2 Вак. 24:24

+ 30:18 2 Пет. 3:9

+ 30:22 Иш. 2:20, Иш. 31:7

+ 30:23 Заб. 64:13-14

+ 30:25 Юил 3:18

+ 30:26 Иш. 60:19-20, Так. Шар. 32:39, Айюб 5:18

+ 30:27 Так. Шар. 4:24

+ 30:28 Иш. 8:8, Дон. 11:10

+ 30:29 Иш. 26:4

+ 30:30 Ех. 10:11, Заб. 17:13

+ 30:33 Ҳиз. 24:9, Айюб 4:9, Айюб 15:30, Заб. 17:8, Ҳиз. 20:48

+ 31:1 Иш. 30:2, Ирм. 2:18, Заб. 19:8, Мас. 21:31

+ 31:3 Ирм. 17:5

+ 31:4 Ҳуш. 11:10, Ом. 3:8

+ 31:5 Так. Шар. 32:11

+ 31:7 Иш. 2:20, Иш. 30:22

+ 31:8 Иш. 37:36

+ 31:9 Заб. 20:10

+ 32:1 Заб. 71:1, Иш. 16:5

+ 32:2 Иш. 4:6, Иш. 25:4

+ 32:3 Иш. 29:18, Иш. 35:5

+ 32:6 1 Подш. 25:11

+ 32:9 Иш. 3:16, Ом. 6:1, Саф. 1:12

+ 32:13 Иш. 5:6, Иш. 7:24, Иш. 22:2

+ 32:15 Ҳиз. 39:29, Юил 2:28

+ 32:19 Иш. 28:2, Иш. 28:17

+ 33:1 Иш. 21:2, Иш. 24:16, Ирм. 30:16

+ 33:4 Юил 2:9

+ 33:5 Иш. 2:17

+ 33:7 Иш. 36:22

+ 33:8 Иб. 26:22

+ 33:9 Ирм. 4:28, Ҳуш. 4:3, Юил 1:10, Наҳум 1:4

+ 33:10 Заб. 67:2

+ 33:12 Иш. 10:17

+ 33:14 Ибр. 10:31

+ 33:15 Заб. 14, Заб. 23:3-4

+ 33:19 Так. Шар. 28:49, Иш. 28:11

+ 34:1 Заб. 48:1, Мик. 1:2

+ 34:3 Юил 2:20

+ 34:4 Юил 2:10, Юил 3:15, Мат. 24:29, Ваҳй 6:13-14

+ 34:5 Так. Шар. 32:41, Ирм. 49:7-22, Ҳиз. 25:12-14, Ҳиз. 35, Ом. 1:11-12, Уб. 1:1-16, Мал. 1:3-4

+ 34:6 Ҳас. 36:33, 1 Вақ. 1:44, Иш. 63:1, Саф. 1:7, Ҳиз. 39:17

+ 34:7 Ад. 23:22, Заб. 21:13

+ 34:8 Иш. 61:2, Иш. 63:4

+ 34:9 Так. Шар. 29:23

+ 34:10 Иш. 66:24, Ирм. 17:27, Ҳиз. 20:48, Ваҳй 14:11, Ваҳй 19:3

+ 34:11 Иш. 14:23, Иш. 13:21-22, Саф. 2:14

+ 34:13 Иш. 32:13, Айюб 30:29, Иш. 13:21, Мик. 1:8

+ 34:14 Вахӣ 18:2

+ 34:15 Так. Шар. 14:13

+ 35:2 Иш. 55:12, Иш. 40:5

+ 35:3 Айюб 4:3, Ибр. 12:12

+ 35:4 Так. Шар. 32:35, Так. Шар. 32:43, Заб. 93:1

+ 35:5 Иш. 29:18, Иш. 32:2, Иш. 42:18, Мат. 11:5

+ 35:6 Аъм. 3:8, Аъм. 14:10, Иш. 41:18, Иш. 49:10

+ 35:8 Иш. 40:3, Иш. 52:1

+ 35:10 Иш. 51:11, Иш. 60:20

● 36:1 *4 Подш. 18:13-37, 2 Вак. 32:1-19*

+ 36:2 Еҳ. 15:39, Иш. 7:3

+ 36:3 Иш. 22:20, Иш. 22:15, Иш. 37:2

+ 36:6 Ҳиз. 29:6, Иш. 30:2

+ 36:7 4 Подш. 18:4, 2 Вак. 31:1

+ 36:11 Эзр. 4:7, Дон. 2:4

+ 36:16 3 Подш. 4:25

+ 36:17 Так. Шар. 8:7-10

+ 36:19 4 Подш. 17:24, Иш. 10:9

+ 36:20 Дон. 3:15, 4 Подш. 19:12, Иш. 10:11

● 37:1 *4 Подш. 19, 2 Вак. 32:20-22*

+ 37:2 Иш. 22:15, Иш. 36:3

+ 37:3 Ҳуш. 13:13

+ 37:4 2 Подш. 16:12

+ 37:6 Иш. 10:24

+ 37:8 Еҳ. 10:29-30

+ 37:12 Ҳас. 11:31

+ 37:13 4 Подш. 18:33-34

+ 37:16 Хур. 25:22, Так. Шар. 6:4, 3 Подш. 18:39, Наҳ. 9:6, Заб. 85:10, Иш. 44:6

+ 37:17 Заб. 30:3, Заб. 70:2, 2 Вак. 6:40, Дон. 9:18

+ 37:19 Ирм. 16:20, 2 Вак. 32:19

+ 37:20 Заб. 82:19

+ 37:24 Заб. 19:8

+ 37:26 Иш. 45:7

+ 37:27 Заб. 128:6

+ 37:28 Заб. 138:2

+ 37:29 Ҳиз. 29:4, Ҳиз. 38:4, Ом. 4:2, Ҳаб. 1:15

+ 37:30 Иш. 7:11

+ 37:31 Иш. 27:6

+ 37:32 Иш. 9:7

+ 37:33 2 Подш. 20:15

+ 37:36 2 Подш. 24:16, 1 Вақ. 21:15, Наҳум 3:3

+ 37:37 Ҳас. 10:11, Юн. 1:2

+ 37:38 Ҳас. 8:4, Ирм. 51:27, Эзр. 4:2

● 38:1 *4 Подш. 20:1-11, 2 Вақ. 32:24-26*

+ 38:3 4 Подш. 18:3

+ 38:5 Заб. 38:13

+ 38:6 Иш. 37:35

+ 38:8 Ех. 10:13

+ 38:11 Заб. 26:13, Иш. 53:8, Ҳиз. 26:20

+ 38:12 Айюб 7:6

+ 38:13 Нав. 3:4

+ 38:14 Ҳиз. 7:16, Наҳум 2:7, Заб. 68:4

+ 38:17 Заб. 15:10, Айюб 33:28, Мик. 7:19

+ 38:18 Заб. 6:6, Воиз 9:10

+ 38:19 Так. Шар. 4:9, Так. Шар. 6:7, Заб. 77:4

● 39:1 *4 Подш. 20:12-19, 2 Вак. 32:31*

+ 39:2 2 Вак. 32:27

+ 39:6 4 Подш. 24:13, 2 Вак. 36:10, Ирм. 20:5, Ирм. 27:19-21, Мик. 4:10

+ 39:7 4 Подш. 24:12, 4 Подш. 25:7, 2 Вак. 33:11

+ 40:1 Иш. 49:13, Зак. 1:17

+ 40:2 Ҳуш. 2:14, Айюб 42:10, Ирм. 16:18

+ 40:3 Иш. 35:8, Заб. 67:5, Мат. 3:3, Марқ. 1:3, Луқ. 3:4-6, Юҳ. 1:23

+ 40:5 Иш. 35:2

+ 40:8 Заб. 118:89, 1 Пет. 1:24-25, Яъқ. 1:11

+ 40:10 Иш. 62:11, Ваҳй 22:12

+ 40:11 Заб. 22:1, Ирм. 31:10, Ҳиз. 34:15, Мик. 5:4, Юҳ. 10:11

+ 40:12 Мас. 30:4

+ 40:13 Рум. 11:34, 1 Қӯр. 2:16

+ 40:14 Айюб 21:22

+ 40:16 Заб. 49:10

+ 40:17 Заб. 61:10, Дон. 4:32

+ 40:18 Иш. 46:5, Аъм. 17:29

+ 40:20 Иш. 44:9, Иш. 46:7, Ирм. 10:3-5

+ 40:22 Ад. 13:33, Айюб 9:8, Айюб 26:7, Заб. 103:2, Ирм. 10:12, Ирм. 51:15

+ 40:23 Айюб 12:21, Заб. 106:40

+ 40:26 Заб. 146:4

+ 40:27 Иш. 49:14

+ 40:28 Заб. 146:5

+ 40:29 2 Қӯр. 12:10

+ 40:31 Заб. 102:5

+ 41:1 Иш. 43:9

+ 41:2 2 Вак. 36:23

+ 41:4 Иш. 44:6, Иш. 48:12, Ваҳй 1:17

+ 41:7 Иш. 40:19

+ 41:8 Иш. 42:19, Иш. 43:10, Иш. 44:1, Ирм. 30:10, 2 Вак. 20:7, Яъқ. 2:23

+ 41:14 Айюб 25:6, Заб. 21:7

+ 41:18 Иш. 35:6

+ 41:19 Иш. 55:13

+ 41:24 Ирм. 10:5, 1 Қӯр. 8:4

+ 41:25 Иш. 41:2, Ирм. 1:15, Ирм. 50:3

+ 41:26 Иш. 46:10, Иш. 48:14

+ 41:27 Иш. 40:9, Иш. 52:7

+ 42:1 Иш. 41:8, Иш. 43:10, Иш. 52:13, Иш. 53:11, Мат. 3:17, Мат. 17:5, Марқ. 1:11, Луқ. 3:22, Иш. 11:2, Иш. 61:1, Мат. 12:17-21

+ 42:5 Зак. 12:1

+ 42:6 Иш. 45:13, Иш. 42:6, Иш. 49:6, Луқ. 2:3, Луқ. 2:30-32, Аъм. 13:47

+ 42:7 Иш. 9:2, Иш. 35:5, Иш. 49:9, Иш. 61:1

+ 42:8 Иш. 48:11

+ 42:10 Заб. 32:3

+ 42:11 Иш. 21:16

+ 42:13 Заб. 77:65

+ 42:14 Иш. 13:8

+ 42:15 Иш. 50:2

+ 42:16 Иш. 40:4

+ 42:17 Заб. 96:7, Иш. 45:16, Иш. 44:11, Ирм. 10:14

+ 42:18 Иш. 35:5

+ 42:19 Иш. 41:8

+ 42:20 Ирм. 6:10, Ҳиз. 12:2

+ 42:22 Ирм. 50:33

+ 42:25 Ҳуш. 7:9

+ 43:1 Иш. 45:3

+ 43:2 Заб. 65:12, Дон. 3:25

+ 43:3 Заб. 71:10, Иш. 45:14

+ 43:5 Ҳуш. 11:11, Мик. 7:12, Зак. 8:7

+ 43:8 Иш. 42:18-19

+ 43:9 Иш. 41:1

+ 43:10 Иш. 41:8, Ирм. 30:10

+ 43:11 Иш. 45:21, Ҳуш. 13:4

+ 43:13 Так. Шар. 32:39, Айюб 10:7

+ 43:16 Хур. 14:21, Иш. 51:10

+ 43:19 Иш. 48:6, 2 Қӯр. 5:17, Ваҳй 21:5, Иш. 35:6-8

+ 43:20 Хур. 17:1-7

+ 43:22 Мик. 6:3

+ 43:24 Мал. 2:17

+ 43:25 Заб. 50:3, Ирм. 31:34

+ 43:26 Иш. 1:18

+ 43:27 Ҳас. 3:6, Ирм. 5:31

+ 44:1 Иш. 41:8, Ирм. 30:10

+ 44:3 Ҳиз. 39:29, Юил 2:28, Юҳ. 7:38

+ 44:6 Иш. 41:4, Иш. 48:12, Ваҳй 1:8, Ваҳй 1:17, Так. Шар. 6:4, 3 Подш. 18:39, Наҳ. 9:6, Заб. 85:10

+ 44:8 Так. Шар. 32:18, Иш. 26:4

+ 44:9 Иш. 41:24, Иш. 41:29

+ 44:10 Ирм. 10:3-5, Ҳаб. 2:18

+ 44:11 Иш. 42:17, Иш. 45:16

+ 44:18 Иш. 45:20

+ 44:20 Ҳуш. 12:1

+ 44:21 Иш. 41:8

+ 44:22 Иш. 1:18

+ 44:23 Заб. 95:11, Иш. 49:13, Иш. 48:20

+ 44:24 Айюб 37:18, Заб. 135:5, Иш. 42:5

+ 44:25 1 Қӯр. 1:20, 1 Қӯр. 3:19

+ 44:26 2 Вак. 36:22-23

+ 44:27 Иш. 11:15, Иш. 51:10, Ирм. 50:38, Ирм. 51:36

+ 44:28 2 Вак. 36:22, Эзр. 1:1, Иш. 45:1, Дон. 6:28, Аъм. 13:22

+ 45:1 Наҳум 2:6

+ 45:2 Заб. 106:16

+ 45:3 Иш. 43:1

+ 45:4 Иш. 41:8

+ 45:5 Так. Шар. 4:35

+ 45:6 Хур. 15:11

+ 45:7 Нав. 3:38, 4 Подш. 19:25, Иш. 37:26

+ 45:9 Иш. 29:16, Ирм. 18:6, Рум. 9:20-24, Айюб 9:32, Воиз 6:10

+ 45:12 Иш. 44:24, Ирм. 27:5

+ 45:13 Иш. 42:6, Иш. 44:28

+ 45:14 Заб. 71:10, Иш. 43:3, Зак. 8:23, 1 Қӯр. 14:25

+ 45:16 Иш. 42:17, Иш. 44:11

+ 45:17 Иш. 54:4

+ 45:19 Ирм. 29:13-14

+ 45:20 Иш. 44:17-18

+ 45:21 Иш. 43:11, Ҳуш. 13:4

+ 45:23 Рум. 14:11, Фпл. 2:10-11

+ 46:1 Ирм. 50:2, Ирм. 51:44, 1 Подш. 5:3

+ 46:2 Ирм. 48:7

+ 46:3 Так. Шар. 1:31

+ 46:4 Заб. 67:20

+ 46:5 Иш. 40:18, Аъм. 17:29

+ 46:6 Дов. 17:4, Иш. 44:15

+ 46:7 Заб. 113:15

+ 46:10 Иш. 41:26

+ 46:11 Иш. 41:2, Ирм. 12:9

+ 46:13 Иш. 51:5, Иш. 56:1

+ 47:1 Ом. 5:2, Иш. 13:1, Иш. 21:1, Ирм. 50:1

+ 47:2 Дов. 16:21

+ 47:3 Ирм. 13:26, Наҳум 3:5

+ 47:6 Зак. 1:15

+ 47:7 Ваҳй 18:7

+ 47:8 Саф. 2:15

+ 47:11 Заб. 34:8

+ 47:14 Иш. 5:24, Наҳум 1:10, Мал. 4:1

+ 48:1 Наҳ. 11:1, Ирм. 7:4, Мик. 1:5

+ 48:3 Иш. 41:26

+ 48:4 Хур. 32:9

+ 48:5 Ирм. 44:17

+ 48:6 Иш. 43:19, Ирм. 33:3

+ 48:10 Айюб 23:10, Заб. 65:10, Иш. 1:25, Зак. 13:9, Мал. 3:3

+ 48:11 Ҳиз. 20:9, Иш. 42:8

+ 48:12 Иш. 41:4, Иш. 44:6, Ваҳй 1:8, Ваҳй 1:17

+ 48:13 Айюб 9:8, Заб. 103:2, Иш. 42:5, Ирм. 10:12, Ирм. 51:15, Зак. 12:1

+ 48:14 Иш. 41:26, Иш. 41:2, Иш. 46:10

+ 48:15 Иш. 45:1-3

+ 48:16 Иш. 61:1

+ 48:18 Заб. 80:14, Луқ. 19:42

+ 48:19 Ҳас. 22:17

+ 48:20 Иш. 52:11, Ирм. 50:8, Зак. 2:6-7, Ваҳй 18:4, Иш. 44:23

+ 48:21 Хур. 17:6, Ад. 20:11

+ 49:1 Ирм. 1:4-5, Ғал. 1:15-16, Мат. 1:21, Луқ. 1:31

+ 49:2 Иш. 11:4

+ 49:3 Юҳ. 17:10

+ 49:6 Иш. 42:6, Ирм. 1:5, Аъм. 13:47, Аъм. 26:23

+ 49:7 Заб. 21:7, Иш. 53:3

+ 49:8 2 Қўр. 6:2, Иш. 42:6

+ 49:9 Иш. 42:7, Иш. 61:1

+ 49:10 Ваҳй 7:16-17, Иш. 35:6

+ 49:12 Иш. 43:5

+ 49:13 Заб. 95:11, Иш. 44:23, Иш. 40:1

+ 49:14 Иш. 40:27

+ 49:15 Заб. 26:10

+ 49:18 Иш. 60:4, Ирм. 22:24, Ҳиз. 5:11, Ҳиз. 16:48, Саф. 2:9, Рум. 14:11

+ 49:19 Ирм. 31:27, Зак. 2:4

+ 49:20 Зак. 10:10

+ 49:22 Иш. 11:10, Иш. 14:2

+ 49:23 Заб. 71:9, Мик. 7:17, Заб. 24:3

+ 49:24 Марқ. 3:27

+ 49:25 Заб. 34:1

+ 49:26 Ваҳй 16:6

+ 50:1 Так. Шар. 24:1, Ирм. 3:8

+ 50:2 Ирм. 35:17, Ад. 11:23, Иш. 59:1, Хур. 14:21-22, Заб. 103:7, Заб. 105:2, Заб. 106:33, Иш. 42:15

+ 50:3 Ирм. 4:28, Ваҳй 6:12, Ваҳй 6:12

+ 50:4 Заб. 39:7

+ 50:6 Иш. 53:6, Мат. 26:67, Марқ. 14:65, Марқ. 15:19

+ 50:7 Ирм. 1:18, Ҳиз. 3:9

+ 50:8 Рум. 8:33, Айюб 13:19

+ 50:9 Айюб 13:28, Иш. 51:8

+ 51:2 Ҳас. 12:2, Ҳиз. 33:24

+ 51:3 Иш. 40:1, Иш. 52:9, Ҳас. 2:8, Ҳиз. 28:13, Ҳиз. 36:35

+ 51:4 Иш. 42:6, Иш. 49:6

+ 51:5 Иш. 46:13, Иш. 60:9

+ 51:6 Заб. 101:26-27, Марк. 13:31

+ 51:7 Так. Шар. 6:6, Заб. 36:28, Ирм. 31:33, Мат. 10:28

+ 51:8 Иш. 50:9

+ 51:9 Айюб 9:13, Айюб 26:12, Заб. 88:11, Иш. 30:7

+ 51:10 Хур. 14:21, Заб. 105:9, Иш. 43:16-17

+ 51:11 Иш. 35:10

+ 51:12 Иш. 40:1, Иш. 66:13, Заб. 55:5, Заб. 117:6, Мат. 10:28

+ 51:13 Иш. 40:12, Иш. 48:14

+ 51:15 Ирм. 31:35

+ 51:17 Иш. 52:1, Заб. 74:8, Ирм. 25:15, Уб. 1:16, Зак. 12:2, Ваҳй 14:10

+ 51:19 Ирм. 15:5, Наҳум 3:7

+ 51:22 Ирм. 25:17, Наҳум 3:11

+ 52:1 Иш. 51:17, Наҳ. 11:1, Иш. 48:2, Мат. 4:5, Мат. 27:53, Иш. 35:8, Юил 3:17, Наҳум 1:15, Ваҳй 21:27

+ 52:5 Рум. 2:24

+ 52:7 Иш. 41:27, Наҳум 1:15, Рум. 10:15

+ 52:9 Иш. 40:1, Иш. 51:3

+ 52:10 Заб. 97:3, Луқ. 3:6

+ 52:11 Иш. 48:20, Зак. 2:7, Эзр. 1:7-11

+ 52:12 Иш. 58:8, Мик. 2:13

+ 52:13 Иш. 42:1

+ 52:15 Иш. 49:23, Рум. 15:21, 1 Қӯр. 2:9

+ 53:1 Юҳ. 12:38, Рум. 10:16

+ 53:2 Иш. 11:1

+ 53:3 Иш. 49:7

+ 53:4 Мат. 8:17

+ 53:5 1 Пет. 2:24-25

+ 53:6 Заб. 118:176, Ирм. 50:6

+ 53:7 Ирм. 11:19, Иш. 37:14, Аъм. 8:32-33

+ 53:8 Заб. 26:13, Иш. 38:11, Ҳиз. 26:20, Ҳиз. 32:23

+ 53:9 1 Пет. 2:22, Марқ. 15:46

+ 53:11 Иш. 42:1, Иш. 52:13, Рум. 5:16

+ 54:1 1 Подш. 2:5, Ғал. 4:27

+ 54:4 Иш. 45:17, Саф. 3:11

+ 54:5 Ирм. 3:14, Ҳуш. 2:7

+ 54:6 Иш. 62:4

+ 54:7 Ирм. 51:5

+ 54:8 Заб. 88:29-30, Иш. 55:3

+ 54:9 Ҳас. 8:21, Ҳас. 9:11

+ 54:10 Ад. 25:12-13, Ҳиз. 34:25, Ҳиз. 37:26, Ҳуш. 2:18

+ 54:13 Ирм. 31:33-34, Юҳ. 6:45, 1 Қўр. 2:13, 1 Тас. 4:9

+ 54:17 Заб. 4:2

+ 55:1 Иш. 44:3, Юҳ. 7:37

+ 55:2 Юҳ. 6:27

+ 55:3 Иш. 61:8, Ирм. 32:40, Ҳиз. 16:60, Заб. 88:29-30, Иш. 54:6, Аъм. 13:34

+ 55:5 2 Подш. 22:44

+ 55:6 1 Вақ. 28:9, 2 Вақ. 15:2, Ирм. 29:13, Ом. 5:4, Ом. 5:6, Саф. 2:3

+ 55:9 Заб. 102:11

+ 55:11 Так. Шар. 32:2, Ҳиз. 12:25

+ 55:12 Заб. 97:8, Иш. 35:2

+ 55:13 Иш. 41:19

+ 56:1 Иш. 46:13, Иш. 51:5

+ 56:2 Хур. 20:8

+ 56:3 Хур. 12:38, Так. Шар. 23:8, Эст. 9:27, Иш. 14:1, Зак. 2:11

+ 56:7 Иш. 2:2-3, Иш. 60:3, Иш. 66:20, Мал. 1:11, Мат. 21:13, Марқ. 11:17, Луқ. 19:46

+ 56:8 Иш. 11:12, Юҳ. 10:16

+ 56:9 Ирм. 12:9, Ҳиз. 39:17, Ваҳй 19:17-18

+ 56:10 Ирм. 6:17

+ 56:11 Ҳиз. 34:2

+ 56:12 Мас. 23:35, Иш. 22:13

+ 57:2 Дон. 12:13

+ 57:3 Марк. 8:38

+ 57:5 Ҳиз. 16:20-21

+ 57:8 Ҳиз. 16:25, Ҳиз. 23:17

+ 57:11 Заб. 49:21

+ 57:13 Ирм. 11:12

+ 57:15 4 Подш. 22:19, 2 Вак. 34:27

+ 57:16 Заб. 102:9

+ 57:17 Ирм. 6:13

+ 57:18 Ирм. 3:22, Иш. 40:1

+ 57:19 Рум. 2:10, Эфс. 2:17

+ 57:21 Иш. 48:22

+ 58:1 Мик. 1:5, Мик. 3:8

+ 58:3 Иб. 16:29, Ад. 29:7, Мал. 3:14

+ 58:5 Иб. 16:29, Зак. 7:5, Мат. 6:16

+ 58:6 Луқ. 4:18, Заб. 81:4, Мас. 24:11

+ 58:7 Мат. 25:35, Луқ. 3:11, Яъқ. 2:15-16

+ 58:8 Заб. 36:6, Заб. 84:14, Иш. 52:12

+ 58:11 Ирм. 31:12, Юҳ. 7:38

+ 58:12 Айюб 3:14, Иш. 61:4

+ 58:13 Наҳ. 13:15-21

+ 58:14 Айюб 22:26, Заб. 36:4, Так. Шар. 32:13

+ 59:1 Ад. 11:23, Иш. 50:2

+ 59:2 Ҳуш. 5:4, Заб. 65:18, Мас. 15:8, Мас. 28:9

+ 59:3 Иш. 1:15, Мас. 6:17

+ 59:4 Айюб 15:35, Заб. 7:15, Яъқ. 1:15

+ 59:6 Айюб 8:14

+ 59:7 Мас. 1:16, Мас. 6:18, Иш. 59:7, Рум. 3:15-17

+ 59:10 Так. Шар. 28:29, Айюб 5:14, Саф. 1:17

+ 59:11 Ҳиз. 7:16, Наҳум 2:7

+ 59:16 Ирм. 5:1, Ҳиз. 22:30, Заб. 97:1, Иш. 63:5

+ 59:17 Эфс. 6:14, Эфс. 6:17, 1 Тас. 5:8

+ 59:18 Так. Шар. 7:10, Ирм. 51:56

+ 59:20 Рум. 11:26-27

+ 59:21 Ирм. 31:31

+ 60:1 Заб. 101:17, Мал. 4:2, 1 Юҳ. 1:7

+ 60:2 Айюб 37:19

+ 60:3 Иш. 2:2-3, Иш. 56:7, Иш. 66:20, Мал. 1:11, Айюб 11:17, Айюб 22:28, Мас. 4:18, Дон. 12:3, Ваҳй 21:24

+ 60:4 Иш. 49:18, Иш. 66:20

+ 60:5 Иш. 61:6

+ 60:6 3 Подш. 10:1, 2 Вак. 9:1, Мат. 2:11

+ 60:7 Заб. 119:5, Сур. Сур. 1:5, Иш. 21:16, Ҳас. 25:13

+ 60:8 Ҳуш. 11:11

+ 60:9 Иш. 51:5, 3 Подш. 10:22, Иш. 23:1, Юн. 1:3

+ 60:10 Зак. 6:15

+ 60:11 Ваҳй 21:25

+ 60:12 Зак. 14:17-19

+ 60:14 Иш. 49:23, Ҳиз. 48:35

+ 60:16 Иш. 66:12, Ҳас. 49:24

+ 60:18 Иш. 11:9

+ 60:19 Иш. 30:26, Ваҳй 21:23, Ваҳй 22:5

+ 60:20 Заб. 26:1, Иш. 35:10, Иш. 65:19, Ваҳй 21:4

+ 60:21 Заб. 36:9, Ҳиз. 37:25, Мат. 15:13

+ 61:1 Иш. 11:2, Луқ. 4:18-19, Луқ. 7:22, Иш. 29:19, Иб. 25:8-15, Иш. 42:7, Иш. 49:9

+ 61:2 Иб. 25:10, Иш. 34:8, Иш. 63:4, Мат. 5:4

+ 61:3 Мат. 15:13

+ 61:4 Айюб 3:14, Иш. 58:12, Ом. 9:14

+ 61:6 Хур. 19:6, 1 Пет. 2:9, Иш. 60:5

+ 61:7 Айюб 42:10, Иш. 40:2, Зак. 9:12

+ 61:8 Заб. 10:7, Иш. 55:3, Ирм. 32:40, Ҳиз. 16:60

+ 61:9 Иш. 65:23

+ 61:10 Зак. 3:4, Ирм. 2:32, Ваҳй 21:2

+ 62:2 Ваҳй 2:17, Ваҳй 3:12

+ 62:3 Зак. 9:16

+ 62:4 Иш. 54:6, Ҳуш. 1:10, Ҳуш. 2:23

+ 62:5 Ирм. 32:41, Саф. 3:17

+ 62:8 Так. Шар. 28:33, Ирм. 5:17

+ 62:10 Иш. 11:10, Иш. 49:22

+ 62:11 Иш. 40:10, Ваҳй 22:12

+ 63:1 Ҳас. 36:33, 1 Вақ. 1:44, Иш. 34:6

+ 63:3 Юил 3:13, Ваҳй 19:15

+ 63:4 Иш. 34:8, Иш. 61:2

+ 63:5 Иш. 59:16

+ 63:6 Иш. 51:22

+ 63:9 Дов. 10:16, Хур. 14:9, Хур. 23:20

+ 63:10 Заб. 77:40, Аъм. 7:51, Эфс. 4:30

+ 63:11 Хур. 12:50-51, Заб. 76:21, Ҳуш. 12:13

+ 63:12 Хур. 14:21

+ 63:15 Ҳас. 11:5, Так. Шар. 26:15, Заб. 13:2, Заб. 32:14

+ 63:16 Так. Шар. 32:6, Иш. 64:8, Юҳ. 8:41

+ 63:19 Ирм. 14:8

+ 64:1 2 Подш. 22:10, Заб. 17:10, Заб. 143:5

+ 64:4 1 Қӯр. 2:9

+ 64:5 Аъм. 10:35

+ 64:6 Заб. 1:4, Заб. 89:6

+ 64:7 Иш. 43:22, Ҳуш. 7:7

+ 64:8 Так. Шар. 32:6, Иш. 63:16, Юҳ. 8:41, Айюб 10:9, Айюб 33:6, Иш. 45:9, Ирм. 18:6, Рум. 9:20-24

+ 64:11 4 Подш. 25:9, Ҳаҷ. 1:9, Ҳаҷ. 2:3

+ 65:2 Рум. 10:20

+ 65:3 Иш. 1:29, Иш. 66:17

+ 65:4 Иб. 11:7

+ 65:6 Заб. 149:9, Хур. 20:5

+ 65:8 Ҳас. 18:26, Марқ. 13:20

+ 65:10 Иш. 33:9, Иш. 35:2, Ех. 7:24, Саф. 2:6

+ 65:12 Мас. 1:24, Иш. 66:4, Ирм. 7:13

+ 65:13 Иш. 55:1, Луқ. 6:25

+ 65:14 Луқ. 6:25

+ 65:15 Ирм. 29:22, Иш. 62:2, Ваҳй 2:17, Ваҳй 3:12

+ 65:16 Ирм. 4:2

+ 65:17 Иш. 66:22, 2 Пет. 3:13, Ваҳй 21:1, 1 Қӯр. 2:9

+ 65:19 Иш. 35:10, Иш. 60:20, Ваҳй 21:4

+ 65:21 Ирм. 31:5, Ҳиз. 28:26

+ 65:22 Заб. 21:13

+ 65:23 Так. Шар. 28:41, Заб. 113:22, Иш. 61:9

+ 65:24 Дон. 9:21

+ 65:25 Иш. 11:6, Ҳас. 3:14, Иш. 11:9

+ 66:1 Ҳиз. 43:7, Мат. 5:35, 3 Подш. 8:27, 2 Вак. 2:6, Аъм. 7:49-50

+ 66:2 Эзр. 9:4

+ 66:3 Иш. 1:11

+ 66:4 Айюб 3:25, Мас. 10:24, Мас. 1:24, Иш. 65:12, Ирм. 7:13

+ 66:7 Иш. 13:8, Ваҳй 12:5

+ 66:12 Иш. 60:16

+ 66:13 Иш. 40:1, Иш. 51:12

+ 66:15 2 Пет. 3:7, 2 Тас. 1:8, Заб. 67:18, Ҳаб. 3:8

+ 66:16 Так. Шар. 32:41, Ирм. 25:33

+ 66:17 Иш. 1:29, Иш. 65:3, Иб. 11:7, Иб. 11:29

+ 66:18 Иш. 2:2, Зак. 14:16

+ 66:20 Иш. 14:2, Иш. 49:22, Иш. 60:4, Иш. 2:2-3, Иш. 56:7, Иш. 60:3, Мал. 1:11

+ 66:21 Хур. 19:6, Иш. 61:6

+ 66:22 Иш. 65:17

+ 66:24 Иш. 1:31, Мат. 18:9, Марқ. 9:47

*КИТОБИ*

# ИРМИЁИ НАБӢ


| | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 | 7 | 8 | 9 | 10 |
| 11 | 12 | 13 | 14 | 15 | 16 | 17 | 18 | 19 | 20 |
| 21 | 22 | 23 | 24 | 25 | 26 | 27 | 28 | 29 | 30 |
| 31 | 32 | 33 | 34 | 35 | 36 | 37 | 38 | 39 | 40 |
| 41 | 42 | 43 | 44 | 45 | 46 | 47 | 48 | 49 | 50 |
| 51 | 52 | | | | | | | | |

## Сарсухан.

1 [1] Суханони Ирмиё ибни Ҳилқиё, аз коҳиноне ки дар Анотӯт,
дар замини Биньёмин буданд,+
[2] Ки дар айёми Йӯшиё ибни Амӯн подшоҳи Яҳудо, дар соли
сездаҳуми подшоҳии вай, каломи Худованд бар ӯ нозил шуд,+
[3] Ва дар айёми Еҳӯёқим ибни Йӯшиё подшоҳи Яҳудо, то охири
соли ёздаҳуми Сидқиё ибни Йӯшиё подшоҳи Яҳудо, то вақте ки
Ерусалим дар моҳи панҷум ба асирӣ бурда шуд+.

## Даъват шудани Ирмиё.

[4] Ва каломи Худованд бар ман нозил шуда, гуфт:+
[5] «Пеш аз он ки туро дар батн ба вуҷуд оварам, Ман Туро шинохтам,
ва пеш аз он ки ту аз шикам берун ойӣ, туро тақдис намудам,
туро барои халқҳо набӣ таъин кардам».
[6] Ва ман гуфтам: «Ё Худоё Худовандо!
Ман, охир, наметавонам сухан ронам,
зеро ки амраде ҳастам»+.
[7] Вале Худованд ба ман гуфт:
«Нагӯ: „Ман амраде ҳастам“,
балки сӯи ҳар касе ки туро бифиристам, хоҳӣ рафт,
ва ҳар чиро, ки ба ту амр фармоям, хоҳӣ гуфт.
[8] Аз онҳо натарс, зеро Ман бо ту ҳастам,
то ки туро халосӣ диҳам», — гуфт Худованд+.
[9] Ва Худованд дасти Худро дароз карда, ба даҳанам расонд, ва
Худованд ба ман гуфт:
«Инак, суханони Худро дар даҳони ту гузоштам+.
[10] Бидон, ки туро имрӯз бар халқҳо ва бар мамлакатҳо баргумоштам,
то ки решакан кунӣ ва вайрон намоӣ,
талаф кунӣ ва хароб намоӣ,
обод кунӣ ва ниҳол шинонӣ»+.

## Рӯъёи шохаи дарахти бодом ва дег.

[11] Ва каломи Худованд бар ман нозил шуда, гуфт: «Эй Ирмиё, чӣ
чизе ту мебинӣ?» Ва ман гуфтам: «Шохаи дарахти бодомро
мебинам»+.

12 Ва Худованд ба ман гуфт: «Хуб дидаӣ; зеро ки Ман бар каломи
Худ ба хубӣ диққат мекунам, то ки онро ба амал оварам».
13 Ва каломи Худованд бори дигар бар ман нозил шуда, гуфт: «Чӣ
чизе ту мебинӣ?» Ва ман гуфтам: «Деги ҷӯшоне мебинам, ки рӯи он
аз ҷониби шимол аст»+.
14 Ва Худованд ба ман гуфт: «Мусибате аз шимол бар ҳамаи
сокинони ин замин хоҳад омад+.
15 Зеро инак, Ман ҳамаи қабилаҳои мамлакатҳои шимолро даъват
хоҳам намуд, — гуфт Худованд, — ва онҳо омада, ҳар яке тахти худро
дар даҳани дарвозаи Ерусалим, ва назди ҳамаи деворҳои он
гирдогирд, ва назди ҳамаи шаҳрҳои Яҳудо барқарор хоҳанд кард+.
16 Ва бар онҳо барои тамоми шарораташон доварӣ хоҳам кард,
барои он ки онҳо Маро тарк намуда, ба худоёни дигар бухур
сӯзонданд, ва ба маснӯи дастҳои худ саҷда карданд.
17 Пас, ту камари худро бибанд, ва бархоста, ҳар он чиро Ман ба ту
амр фармоям, ба онҳо бигӯй; аз онҳо натарс, мабодо туро пеши онҳо
ба изтироб оварам+.
18 Ва инак, Ман туро имрӯз шаҳри истеҳкомдоре ва сутуни
оҳанине ва ҳисори мисине бар тамоми ин замин, ба муқобили
подшоҳони Яҳудо, ба муқобили мирони он, ба муқобили коҳинони
он ва ба муқобили қавми ин замин гардондам+.
19 Ва онҳо бо ту ҷанг хоҳанд кард, вале бар ту ғолиб нахоҳанд
омад, зеро ки Ман бо ту ҳастам, — гуфт Худованд, — то ки туро
халосӣ диҳам».

## Ирмиё ба Яҳудо фиристода шуд.

2 [1] Ва каломи Худованд бар ман нозил шуда, гуфт:
[2] «Бирав ва ба гӯши Ерусалим хитоб намуда, бигӯй:
Худованд чунин мегӯяд:
меҳри айёми ҷавонӣ ва муҳаббати давраи арӯсии туро,
вақте ки аз қафои Ман дар биёбон,
дар замини нокишта мерафтӣ,
барои ту дар хотир дорам+.
[3] Исроил барои Худованд қудс аст,
ва навбари меваҳои Ӯ;
онҳое ки онро бихӯранд, маҳкум хоҳанд шуд,
ва мусибате бар онҳо хоҳад омад», — мегӯяд Худованд+.
[4] Каломи Худовандро бишнавед, эй хонадони Яъқуб
ва ҳамаи қабилаҳои хонадони Исроил!
[5] Худованд чунин мегӯяд:
«Падарони шумо дар Ман чӣ ноинсофӣ ёфтанд,
ки аз Ман дур шуданд, ва аз қафои ҳеҷу пуч рафта,
худашон ба батолат мубаддал гардиданд+?
[6] Ва нагуфтанд: „Куҷост Худованде
ки моро аз замини Миср берун овард,
ва моро дар биёбон,
дар замини вайрона ва пур аз ҳафраҳо,
дар замини харобазор ва зулмот бурд,
дар замине ки касе аз он гузар накардааст,
ва касе дар он сокин набуд?“+
[7] Ва Ман шуморо ба боғистон овардам,
то ки меваҷот ва неъмати онро бихӯред;
вале шумо омада, замини Маро палид кардед,
ва мероси Маро зишт гардондед+.
[8] Коҳинон нагуфтанд: „Худованд куҷост?“
Ва шариатдонон Маро нашинохтанд,
ва чӯпонон ба Ман осӣ шуданд;
ва анбиё ба исми Баал нубувват карданд,
ва аз қафои чизҳое рафтанд, ки фоида намебахшад+.
[9] Бинобар ин боз бар шумо доварӣ хоҳам кард, — мегӯяд Худованд, —

ва бар писарони писарони шумо доварӣ хоҳам кард+.
10 Пас, бар ҷазираҳои Киттим гузар кунед ва бубинед,
ва ба Қедор бифиристед ва дурустакак назар андозед,
ва бубинед, ки оё чизе монанди ин воқеъ шудааст+?
11 Оё халқе худоёни худро иваз кардаанд,
агарчи онҳо худо нестанд?
Вале қавми Ман ҷалоли худро
ба он чи фоида намебахшад, иваз кардаанд+.
12 Ба ин тааҷҷуб намоед, эй афлок,
ва ба ҳаяҷон омада, бағоят дар даҳшат афтед! — мегӯяд Худованд.
13 Зеро ки қавми Ман ду кори бад карданд: Маро, ки
чашмаи оби ҳаёт ҳастам, тарк карда, барои худ сардобаҳо
канданд, сардобаҳои кафидае ки наметавонад обро нигоҳ дорад+.
14 Оё Исроил ғулом аст? Ё хоназод аст?
Пас чаро вай ба ғанимат гирифта шудааст?
15 Шерони ҷавон бар вай наъра зада,
овози худро баланд карданд,
ва замини онро ба биёбон табдил доданд;
шаҳрҳои он сӯхта, ғайримаскун шудааст+.
16 Писарони Нӯф ва Таҳфанҳес низ
фарқи саратро зада шикастанд.
17 Оё ин осеб ба ту аз он сабаб нарасид,
ки ту Худованд Худои худро,
вақте ки туро бо роҳи рост мебурд, тарк кардӣ?
18 Ва акнун туро бо роҳи Миср чӣ кор аст, —
то ки аз оби Шиҳӯр бинӯшӣ?
Ва туро бо роҳи Ашшур чӣ кор аст, —
то ки аз оби наҳр бинӯшӣ+?
19 Шарорати ту туро ҷазо медиҳад,
ва муртадии ту туро мазаммат менамояд;
пас, бидон ва бубин, ки чӣ гуна бад
ва талх аст он ки ту Худованд Худои худро тарк кардаӣ,
ва тарси Ман дар ту нест, — мегӯяд Худованд Худои лашкарҳо.
20 Аз қадимулайём юғи худро шикастӣ
ва бандҳои худро баркандӣ,
ва гуфтӣ: „Бандагӣ нахоҳам кард“,

зеро ки ту бар ҳар теппаи баланд
ва зери ҳар дарахти сабз хобида, зино кардӣ+.
21 Аммо Ман туро ҳамчун рази асил,
ҳамчун тухме ки комилан некӯст, кошта будам;
пас, чӣ тавр ту барои Ман ба токи ёбоие мубаддал шудаӣ+?
22 Пас, ҳарчанд худро бо ишқор бишӯӣ
ва собуни зиёде барои худ ба кор барӣ,
доғҳои гуноҳи ту пеши назари Ман намоён аст, — мегӯяд Худованд Худо+.
23 Чӣ гуна метавонӣ бигӯӣ: „Худро палид накардаам,
аз қафои Баал нарафтаам“?
Ба рафторе ки ту дар водӣ кардӣ,
назар андоз ва он чиро, ки ба амал овардӣ, дарк намо,
эй модашутури сабукпое ки роҳҳои худро каҷ мекунад!
24 Ту мисли гӯрхари модаи ба биёбон одаткардае ҳастӣ,
ки он дар айни пурзӯр шудани шаҳвати дилаш кандаканда нафас мекашад,
ва кист, ки онро аз шавқи он боздошта тавонад?
Ҳамаи толибони он хаста нахоҳанд шуд:
онро дар моҳи он хоҳанд ёфт+.
25 Пои худро аз бараҳнагӣ ва гулӯи худро аз ташнагӣ нигоҳ дор.
Вале ту гуфтӣ: „Не, умеде нест!
Зеро ки бегонаҳоро дӯст медорам ва аз қафои онҳо хоҳам рафт“+.
26 Чунон ки дузд ҳангоми ба даст афтоданаш шармсор мешавад,
ончунон хонадони Исроил:
худашон, подшоҳашон, миронашон
ва коҳинонашон ва анбиёяшон шармсор шуданд+.
27 Ба чӯб мегӯянд: „Ту падари ман ҳастӣ“,
ва ба санг: „Ту маро зоидаӣ“;
зеро ки пуштро ба Ман гардонданд, ва на рӯйро;
вале дар вақти мусибати худ мегӯянд:
„Бархез ва моро наҷот деҳ!“+
28 Пас, худоёни ту, ки барои худ сохтаӣ, куҷоянд?
Бигзор онҳо бархезанд,
агар туро дар вақти мусибатат наҷот дода тавонанд;
зеро ки худоёни ту, эй Яҳудо,

баробари шумораи шаҳрҳои ту ҳастанд+.
29 Чаро бо Ман талош мекунед?
Ҳамаатон ба Ман осӣ шудаед, — мегӯяд Худованд.
30 Бар абас писарони шуморо зарба задаам:
онҳо сабақе нагирифтанд;
шамшери шумо, мисли шери дарранда,
анбиёи шуморо хӯрдааст+.
31 Эй шумо, ки насли ин даврон ҳастед! Ба каломи Худованд диққат диҳед:
оё Ман барои Исроил биёбон будам?
Ё кишвари торикии зулмот?
Пас, чаро қавми Ман гуфтанд:
„Мо аз ту дур шудаем, дигар назди ту нахоҳем омад“?
32 Оё бокира зевари худро,
ва арӯс тасмаи ороиши худро фаромӯш мекунад?
Вале қавми Ман рӯзҳои бешуморе Маро фаромӯш карданд+.
33 Чӣ гуна моҳирона роҳи худро пайдо мекунӣ,
то ки ба ишқбозӣ ноил гардӣ!
Бинобар ин ба зиштҳо низ роҳҳои худро таълим додаӣ+.
34 Дар домани либосат низ хуни ҷонҳои мискинони бегуноҳ ёфт шуд:
агарчи онҳоро дар вақти дуздӣ наёфтаӣ,
бо вуҷуди ҳамаи инҳо,+
35 Ту мегӯӣ: „Азбаски бегуноҳ ҳастам,
ғазаби Ӯ аз ман баргардонида хоҳад шуд“. Инак,
Ман туро доварӣ хоҳам намуд барои он ки ту мегӯӣ:
„Ман гуноҳ накардаам“.
36 Чаро ин қадар ба залолат афтода, роҳи худро тағьир медиҳӣ?
Чунон ки аз Ашшур хиҷил шудаӣ,
ончунон аз Миср низ хиҷил хоҳӣ шуд;+
37 Аз вай низ, дастҳоятро бар сарат гузошта, берун хоҳӣ рафт,
зеро Худованд аз онҳое ки пушту паноҳат медонӣ, нафрат дорад,
ва ту бо онҳо муваффақият нахоҳӣ ёфт.

## Ирмиё ба тавба даъват менамояд.

[1] Гуфт: Агар марде зани худро талоқ диҳад,
ва вай аз ӯ ҷудо шуда, ба шавҳари дигаре расад,
оё ӯ аз нав сӯи ин зан бармегардад?
Оё он замин тамоман палид намешавад?
Вале ту бо ёрони зиёде зино кардаӣ,
ва бо ин ҳама сӯи Ман мехоҳӣ баргардӣ — гуфт Худованд. —+
[2] Чашмони худро ба теппаҳо баланд кун ва бубин,
ки дар куҷо бо ту хуфту хоб накардаанд?
Ба сари роҳҳо дар ихтиёри онҳо, мисли араб дар биёбон, нишастӣ,
ва заминро бо зинои худ ва бо шарорати худ палид кардӣ+.
[3] Ва боришҳо боздошта шуд, борони баҳорӣ ҳам наборид;
вале туро пешонии зани фоҳишае буд, — ту шарму ҳаёро аз худ дур кардӣ+.
[4] Оё навакак Маро нахондӣ:
„Эй Падари ман, Ту ёри ҷавонии ман ҳастӣ!
[5] Оё ғазаби Ӯ ба сурати абадӣ хоҳад буд?
Оё Ӯ онро то абад нигоҳ хоҳад дошт?“
Чунин сухан рондӣ, — ва аъмоли бади худро,
ҳар қадар аз дастат ояд, давом медиҳӣ»+.

## Ирмиё бори дуюм назди яҳудиёни ҷудогардида фиристода шуд.

[6] Ва Худованд дар айёми подшоҳ Йӯшиё ба ман гуфт: «Оё ту дидӣ,
ки Исроили муртад чиҳо кард? Вай ба ҳар кӯҳи баланд ва зери ҳар
дарахти сабз рафта, дар он ҷо зино мекард+.
[7] Ва Ман гуфтам: „Баъд аз он ки ҳамаи ин корҳоро кард, сӯи Ман
хоҳад баргашт“. Вале вай барнагашт; ва хоҳари хоини вай, Яҳудо,
инро дид.
[8] Ва Ман дидам, ки баъд аз он ки барои тамоми зинокории
Исроили муртад Ман варо бадар рондам ва талоқнома ба вай додам,
хоҳари хоини вай, Яҳудо, натарсид, балки худаш низ рафта, ба зино
дода шуд+.
[9] Ва воқеъ шуд, ки вай дар зинои худ сабукрафторӣ карда,
заминро палид намуд, ва бо санг ва чӯб зино кард+.

10 Ва бо вуҷуди ҳамаи ин, хоҳари хоини вай, Яҳудо, бо тамоми
дили худ сӯи Ман руҷӯъ накард, балки фақат бо риёкорӣ», — мегӯяд
Худованд+.
11 Ва Худованд ба ман гуфт: «Ҷони Исроили муртад аз Яҳудои хоин
одилтар баромад+.
12 Бирав ва ин суханонро ба ҷониби шимол эълон намо, ва бигӯй:
Баргард, эй Исроили муртад! — мегӯяд Худованд, —
Рӯи Худро ба шумо турш нахоҳам кард,
зеро ки Ман раҳим ҳастам, — мегӯяд Худованд, —
хашми Худро ба сурати абадӣ нигоҳ нахоҳам дошт+.
13 Фақат ба гуноҳи худ иқрор шав,
ки ту ба Худованд Худои худ осӣ шудаӣ,
ва бо бегонагон зери ҳар дарахти сабз басо ишқбозӣ кардаӣ,
ва ба овози Ман шумо гӯш надодаед, — мегӯяд Худованд+.
14 Баргардед, эй писарони муртад, — мегӯяд Худованд, —
зеро ки Ман ҳукмфармои шумо ҳастам,
ва шуморо як нафар аз шаҳре ва ду нафар аз қабилае хоҳам гирифт,
ва шуморо ба Сион хоҳам овард,
15 Ва ба шумо чӯпононро ба дилхоҳи Худ хоҳам дод, ки онҳо
шуморо бо дониш ва ҳикмат хоҳанд чаронид+.
16 Ва воқеъ хоҳад шуд, ки чун шумо бар замин афзун ва борвар
гардед, дар он айём, — мегӯяд Худованд, — дигар дар бораи сандуқи
аҳди Худованд сухан нахоҳанд ронд, ва он ба хотир нахоҳад омад, ва
онро зикр нахоҳанд кард, ва мавҷуд набудани онро ҳис нахоҳанд
кард, ва он бори дигар сохта нахоҳад шуд+.
17 Дар он замон Ерусалимро тахти Худованд хоҳанд номид, ва
ҳамаи халқҳо ба хотири исми Худованд дар он ҷо, дар Ерусалим
ҷамъ хоҳанд шуд, ва дигар саркашии дилҳои шарири худро пайравӣ
нахоҳанд кард.
18 Дар он айём хонадони Яҳудо бо хонадони Исроил роҳ хоҳанд
рафт, ва якҷоя аз замини шимол ба замине ки ба падарони шумо
мерос додаам, хоҳанд омад»+.
19 Ва Ман гуфтам:
«Чӣ гуна туро дар миёни писарон ҷойгир кунам,
ва замини матлуберо, ки мероси дилписанди халқҳои зиёд аст, ба ту
бидиҳам?

Ва гуфтам: ту Маро Падари худ хоҳӣ хонд,
ва аз Ман рӯй нахоҳӣ гардонд;
20 Аммо дар ҳақиқат, чунон ки зан ба ёри худ хиёнат мекунад,
ончунон шумо низ, эй хонадони Исроил,
ба Ман хиёнат кардед — мегӯяд Худованд»+.
21 Овозе бар теппаҳо шунида мешавад,
овози гирья ва тазаррӯи банӣ-Исроил,
ки роҳи худро каҷ сохта,
Худованд Худои худро фаромӯш кардаанд+.
22 «Баргардед, эй писарони муртад,
ва Ман муртадиҳои шуморо шифо хоҳам дод!».
Инак, мо назди Ту меоем,
зеро ки Ту Худованд Худои мо ҳастӣ!+
23 Дар ҳақиқат, умеди мо аз теппаҳо
ва анбӯҳи кӯҳҳо бар абас будааст;
дар ҳақиқат, наҷоти Исроил
дар Худованд Худои мост.

24 Аз айёми ҷавонии мо ин қабоҳат меҳнати падарони моро:
гӯсфандони онҳо ва говони онҳоро, писарони онҳо ва духтарони
онҳоро хӯрдааст.

25 Пас, дар қабоҳати худ бихобем, ва расвоии мо моро хоҳад
пӯшонид, зеро ки мо пеши Худованд Худои худ гуноҳ кардаем, — мо
ва падарони мо, аз ҷавонии мо ва то ҳамин рӯз; ва ба овози Худованд
Худои мо гӯш надодаем+.

## Давоми он.

1 «Агар ту, эй Исроил, — мегӯяд Худованд — баргардӣ,
агар сӯи Ман баргардӣ,
ва агар қабоҳатҳои худро аз пеши Ман дур кунӣ,
оворагард нахоҳӣ шуд+.
2 Ва агар дар ростӣ, инсоф ва адолат
„ба ҳаёти Худованд!“ гӯён қасам ёд кунӣ,
он гоҳ халқҳо дар вай баракат хоҳанд хост
ва бо вай фахр хоҳанд кард»+.
3 Зеро ки Худованд ба мардони Яҳудо ва Ерусалим чунин мегӯяд:
«Киштзори худро шудгор кунед,
ва дар миёни хорҳо накоред+.
4 Худро барои Худованд махтун намоед
ва ғилофаки дилҳои худро дур кунед,
эй мардони Яҳудо ва сокинони Ерусалим,
мабодо ғазаби Ман, ба сабаби бадии аъмоли шумо,
мисли оташ берун омада, аланга занад,
ва касе набошад, ки онро хомӯш кунад+.
5 Дар Яҳудо эълон намоед, ва дар Ерусалим бишнавонед ва бигӯед,
ва бар замин шох навозед,
ва бо овози баланд хитоб намуда, бигӯед:
„Ҷамъ шавед, то ки ба шаҳрҳои истеҳкомдор паноҳ барем“+.
6 Байрақе ба ҷониби Сион барафрозед,
сӯи истеҳкомҳо биравед, таваққуф накунед, зеро ки
Ман мусибате ва таҳлукаи бузурге аз шимол меоварам+.
7 Шере аз бешаи худ боло баромадааст,
ва талафкунандаи халқҳо ҳаракат карда,
аз макони худ берун омадааст,
то ки замини туро ба биёбон табдил диҳад,
ва шаҳрҳои ту хароб шуда, ғайримаскун гардад»+.
8 Бинобар ин палос пӯшида, мотам гиред ва навҳа кунед,
зеро ки оташи ғазаби Худованд аз мо барнагаштааст+.
9 «Ва дар он рӯз воқеъ хоҳад шуд, — мегӯяд Худованд, — ки дили
подшоҳ ва дили мирон афсурда хоҳад шуд; ва коҳинон маъюс хоҳанд
гардид, ва анбиё дар ҳайрат хоҳанд афтод».

10 Ва гуфтам: «Ё Худоё Худовандо! Дар асл Ту ин қавм ва
Ерусалимро фирефта карда, гуфтаӣ: „Шуморо осоиштагӣ хоҳад буд“,
ва ҳол он ки шамшер ба ҷон расидааст»+.
11 Дар он замон ба ин қавм ва ба Ерусалим гуфта хоҳад шуд: «Боди
самум аз теппаҳои биёбон бар роҳи духтари қавми Ман мевазад, на
барои бод додани хирман ва на барои тоза кардани он.
12 Боди шадиде аз он ҷо барои Ман хоҳад омад; акнун Ман низ бар
онҳо довариҳо эълон хоҳам кард»+.
13 Инак, вай мисли абрҳо боло мебарояд,
ва аробаҳояш мисли тундбод аст,
ва аспонаш аз уқобон чобуктаранд;
вой бар мо, зеро ки гирифтори тороҷ хоҳем шуд!+
14 Дили худро аз шарорат шустушӯй намо, эй Ерусалим, то ки наҷот ёбӣ;
то ба кай фикру хаёлҳои бади ту андаруни ту сокин бошад+?
15 Зеро овозе аз ҷониби Дон,
ва хабари мусибат аз кӯҳи Эфроим меояд:
16 «Ба халқҳо хотиррасон намоед,
ба Ерусалим хабар диҳед,
ки аз кишвари дурдаст муҳосиракунандагон меоянд,
ва шаҳрҳои Яҳудоро бо овози худ пур мекунанд.
17 Онҳо мисли посбонони киштзор варо иҳота менамоянд,
зеро ки вай Маро ба хашм овардааст, — мегӯяд Худованд+.
18 Роҳи ту ва аъмоли ту ин чизҳоро бар ту овардааст;
ин бадии туст, ки сабаби талхкомии ту гардида,
то ба дили ту расидааст»+.
19 Амъои ман, амъои ман! Маро ларза гирифтааст!
Пардаҳои дили ман!
Дили ман андаруни ман ба ҳаяҷон омадааст, наметавонам хомӯш монам;
зеро ки ту, эй ҷони ман,
овози шох ва нидоҳои ҷангро шунидаӣ+.
20 Таҳлука бар таҳлука рӯй дода,
тамоми замин валангор шудааст;
хаймаҳои ман ногаҳон гирифтори тороҷ гардида,
чодарҳои ман дар як он барбод рафтааст+.

21 То ба кай ман байрақро бубинам
ва овози шохро бишнавам?
22 «Зеро ки қавми Ман беақланд, Маро намешиносанд;
онҳо писарони ҷоҳиланд ва фаҳме надоранд;
ба бадӣ кардан ақлашон мерасад,
вале кардани кори нек аз дасташон намеояд»+.
23 Ба замин нигоҳ кардам, ва инак, дар ҳолати ҳарҷумарҷ аст;
ва сӯи осмон нигаристам, ва ҳеҷ нур надошт;+
24 Ба кӯҳҳо нигоҳ кардам, ва инак, онҳо меларзанд,
ва ҳамаи теппаҳо ба ҷунбиш омадаанд+.
25 Нигоҳ кардам, ва инак, касе нест,
ва ҳамаи мурғони осмон парида рафтаанд+.
26 Нигоҳ кардам, ва инак, боғистон ба биёбон мубаддал шудааст,
ва ҳамаи шаҳрҳои он аз ҳузури Худованд,
аз оташи ғазаби Ӯ хароб шудааст+.
27 Зеро ки Худованд чунин мегӯяд:
«Тамоми замин валангор хоҳад шуд,
вале онро комилан несту нобуд нахоҳам кард+.
28 Замин дар ин хусус мотам хоҳад гирифт,
ва осмон аз боло тира хоҳад шуд,
зеро ки Ман инро гуфтам ва азм намудам,
ва пушаймон нахоҳам шуд, ва аз ин азм нахоҳам гашт»+.
29 Аз ғулғулаи саворон ва тирандозон тамоми аҳли шаҳрҳо мегурезанд:
ба ҷангалҳои анбӯҳ дохил мешаванд ва бар кӯҳпораҳо мебароянд;
ҳамаи шаҳрҳо тарк карда мешаванд,
ва касе дар онҳо боқӣ намемонад.
30 Ва ту, эй тороҷшуда, чӣ хоҳӣ кард?
Агарчи либоси қирмизӣ мепӯшӣ,
агарчи худро бо зеварҳои тилло оро медиҳӣ,
агарчи ба чашмони худ сурма мекашӣ,
лекин бар абас худро зинат медиҳӣ:
хушдоронат аз ту нафрат пайдо кардаанд,
ва қасди ҷони ту доранд+.
31 Зеро овозе ба гӯшам мерасад,
мисли фарьёди зане ки дарди зоиш дорад

ва ҳамчун зани навзой азоб мекашад,
яъне овози духтари Сион, ки базӯр нафас гирифта
ва дастҳои худро дароз карда, фиғон мекашад:
«Эй вой бар ман, ки ҷонам аз дасти қотилон бемаҷол шудааст!»+

## Ирмиё гуноҳҳои қавмро фош намуда, доварии Худоро пешгӯӣ мекунад.

1 «Дар кӯчаҳои Ерусалим гардиш кунед,
ва бубинед, ва бифаҳмед, ва дар майдонҳояш биҷӯед,
ки оё касеро, ки аз рӯи инсоф амал кунад
ва толиби ростӣ бошад,
метавонед ёфт, то ки Ман онро биомурзам+?
2 Ва агарчи онҳо „ба ҳаёти Худованд!“ мегӯянд,
лекин қасамашон бардурӯғ аст»+.
3 Худовандо! Чашмони Ту, охир, сӯи ростӣ нигаронида шудааст.
Онҳоро зарба задӣ, вале дардро ҳис накарданд;
онҳоро талаф намудӣ, панд гирифтан нахостанд;
рӯйҳои худро аз сахра сахттар гардондаанд, намехоҳанд руҷӯъ намоянд+.
4 Ва ман гуфтам: «Инҳо, охир, мардуми бенавоянд, гирифтори ҷаҳолатанд,
чунки роҳи Худовандро, аҳкоми Худои худро намедонанд»+.
5 Пас, ман назди акобир рафта, бо онҳо гуфтугӯ мекунам,
зеро ки онҳо роҳи Худовандро, аҳкоми Худои худро медонанд,
аммо онҳо саросар юғро шикаста, бандҳоро баркандаанд+.
6 Бинобар ин шере аз ҷангал онҳоро талаф хоҳад намуд,
гурги биёбон онҳоро тороҷ хоҳад кард,
паланг назди шаҳрҳои онҳо камин хоҳад гирифт:
ҳар кӣ аз онҳо берун равад, дарида хоҳад шуд;
зеро ки гуноҳҳои онҳо афзун шуда,
муртадиҳои онҳо пурзӯр гардидааст+.
7 «Чӣ гуна Ман туро барои ин аъмоли бад биомурзам?
Писарони ту Маро тарк карданд
ва ба чизҳое ки худо нестанд, қасам мехӯранд;
ва онҳоро сер кардам,
вале онҳо ба зинокорӣ дода шуданд,
ва гурӯҳ-гурӯҳ ба хонаҳои фоҳишагон даромаданд+.
8 Онҳо мисли аспони охурӣ аз шаҳват маст шуданд:
ҳар яке аз онҳо барои зани ёри худ шеҳа мезанад+.

9 Оё барои чунин аъмол ҷазо нахоҳам дод? — мегӯяд Худованд. —
Ва оё ҷони Ман аз чунин халқ интиқом нахоҳад гирифт+?
10 Бар деворҳои токзори он баромада, онҳоро хароб намоед,
вале комилан несту нобуд накунед;
шохаҳояшро барканед, чунки онҳо аз они Худованд нестанд;+
11 Зеро ки хонадони Исроил ва хонадони Яҳудо
дар ҳаққи Ман бисьёр хиёнат карданд, —
мегӯяд Худованд.
12 Онҳо Худовандро инкор карда, гуфтанд:
„Ӯ нест, ва мусибате бар мо нахоҳад омад,
ва мо шамшер ва қаҳтиро нахоҳем дид;+
13 Ва анбиё барбод хоҳанд рафт,
ва калом дар онҳо нест;
бигзор ин бар худашон воқеъ шавад!“»+
14 Бинобар ин Худованд Худои лашкарҳо чунин мегӯяд:
«Барои он ки шумо чунин сухан гуфтед,
инак Ман суханони Худро дар даҳони ту ба оташ,
ва ин қавмро ба ҳезум табдил хоҳам дод,
ва онҳоро вай хоҳад хӯрд+.
15 Инак, Ман бар шумо, эй хонадони Исроил, халқеро
аз дурдаст хоҳам овард, — мегӯяд Худованд, —
ки халқи зӯроваранд, халқи қадиманд,
халқе ки забонашонро намедонӣ,
ва гуфторашонро нахоҳӣ фаҳмид+.
16 Тиркаши онҳо мисли қабри кушода мебошад;
ҳамаашон ҷанговарони ҷасуранд+.
17 Ва онҳо ҳосилоти ту ва нони туро хоҳанд хӯрд,
писарон ва духтарони туро хоҳанд хӯрд,
бузу гӯсфандон ва говони туро хоҳанд хӯрд,
ангури ту ва анҷири туро хоҳанд хӯрд;
шаҳрҳои истеҳкомдори туро, ки ба онҳо таваккал менамоӣ,
бо шамшер валангор хоҳанд кард»+.
18 «Вале дар ҳамон рӯзҳо низ, — мегӯяд Худованд, — шуморо
комилан несту нобуд нахоҳам кард.
19 Ва агар шумо бигӯед: „Аз барои чӣ Худованд Худои мо ҳамаи ин
балоҳоро бар мо овардааст?“ — ба онҳо бигӯй: „Чунон ки шумо Маро

тарк намудед ва ба худоёни бегона дар замини худ хизмат кардед,
ончунон ба бегонаҳо дар замине ки аз они шумо набошад, хизмат
хоҳед кард“+.
20 Инро дар хонадони Яъқуб эълон карда
ва дар Яҳудо хабар дода, бигӯед:
21 Инро бишнавед, эй қавми нодон ва бефаҳм,
ки чашм доред, вале намебинед,
гӯш доред, вале намешунавед!+
22 Оё аз Ман наметарсед? — мегӯяд Худованд.
— Оё аз ҳузури Ман ба ларза намеоед?
Ман, охир, регро ҳудуди баҳр,
қонуни ҷовидоние барояш қарор додаам,
ки аз он намегузарад;
ва мавҷҳояш талотум менамояд, вале ғолиб намешавад,
ва ҳарчанд ба ғалаён меояд, наметавонад аз он бигзарад+.
23 Валекин ин қавм дили беитоат ва исьёнкор доранд;
онҳо муртад шуданду рафтанд+
24 Ва дар дили худ нагуфтанд:
„Аз Худованд Худои худ битарсем,
ки Ӯ борони аввал ва охирро дар сари вақт меборонад,
ҳафтаҳои барои дарав таъиншударо барои мо нигоҳ медорад“+.
25 Гуноҳҳои шумо инро ақиб андохтааст,
ва хатоҳои шумо некиро аз шумо дур кардааст.
26 Зеро дар миёни қавми Ман шарирон пайдо шудаанд,
ки мисли сайёдон камин гирифта,
дом мегузоранд ва одамонро сайд мекунанд+.
27 Чунон ки қафас пур аз паррандагон аст,
ончунон хонаҳои онҳо пур аз фиреб аст;
бинобар ин онҳо бузург ва сарватдор шудаанд.
28 Фарбеҳ ва сергӯшт шудаанд, дар бадкорӣ аз ҳад гузаштаанд,
даъвоҳоро, алалхусус даъвои ятимонро намесанҷанд,
то ки онҳо комьёб шаванд,
ва бенавоёнро аз рӯи инсоф доварӣ намекунанд+.
29 Оё барои чунин аъмол ҷазо нахоҳам дод? — мегӯяд Худованд. —
Ва оё ҷони Ман аз чунин халқ интиқом нахоҳад гирифт?»+
30 Чизи даҳшатангез ва зишт

дар ин замин ба вуқӯъ меояд:
31 Анбиё бардурӯғ нубувват менамоянд,
ва коҳинон бо ёрии онҳо ҳукмронӣ мекунанд,
ва қавми Ман инро дӯст медоранд.
Ва шумо дар охири ин чӣ хоҳед кард+?

## Давоми он.

[1] Эй банӣ-Биньёмин! Аз даруни Ерусалим бигрезед,
ва дар Тақӯо шох навозед,
ва бар Байт-Ҳакерем аломате бо оташ баланд кунед,
зеро ки мусибате аз ҷониби шимол
ва таҳлукаи бузурге падид меояд+.
[2] Ман духтари Сионро, ки ҷамил ва латиф мепиндоштам, нобуд хоҳам
кард.
[3] Чӯпонон бо рамаҳои худ назди вай хоҳанд омад,
гирдогирди вай хаймаҳо хоҳанд барафрошт,
ҳар яке дар қитъаи худ хоҳанд чаронид.
[4] «Барои ҷанг ба муқобили вай омода шавед!» —
«Бархезед, то ки дар нимирӯзӣ бароем!» —
«Вой бар мо, ки рӯз ба охир расида, сояҳои шом дароз мешавад!»+
[5] «Бархезед, то ки шабона баромада,
қасрҳояшро несту нобуд кунем!»
[6] Зеро ки Худованди лашкарҳо чунин мегӯяд:
«Дарахтонро бурида, хокрезе бар зидди Ерусалим барпо кунед:
ин шаҳр бояд ба ҷазо гирифтор шавад,
чунки саросар пур аз зулм аст+.
[7] Чунон ки чашма обҳояшро беист ҷорӣ менамояд,
ончунон вай шарорати худро торафт меафзояд:
ситам ва тороҷ андаруни вай шунида мешавад,
ҷароҳат ва шаллоқ ҳамеша пеши назари Ман аст+.
[8] Ба ақл ой, эй Ерусалим,
мабодо ҷони Ман аз ту дур шавад,
мабодо туро биёбоне, замини ғайримаскуне гардонам».
[9] Худованди лашкарҳо чунин мегӯяд:
«Бақияи Исроилро мисли шингилҳои боқимондаи ток хоҳанд чид:
дасти худро мисли ангурчин ба шингилҳо дароз кун».
[10] Ба киҳо сухан гӯям
ва киҳоро таъкид намоям, то ки бишнаванд?
Инак, гӯши онҳо номахтун аст,
ва наметавонанд бишнаванд;
инак, каломи Худованд барои онҳо нангин гардидааст,

ва онро толиб нестанд+.
11 Ва ман аз ғазаби Худованд пур шудаам,
ва аз нигоҳ доштани он лакот гардидаам.
«Пас, онро дар кӯча бар кӯдакон
ва бар маҷлиси ҷавонон якбора бирез;
мард бо зан низ гирифтор хоҳанд шуд,
ва мӯйсафед бо шахси солхӯрда+.
12 Ва хонаҳои онҳо, бо якҷоягии киштзорҳо ва занонашон,
насиби дигарон хоҳанд шуд,
чунки Ман дасти Худро ба муқобили сокинони ин замин дароз хоҳам
кард», — мегӯяд Худованд+.
13 «Зеро ки ҳамаи онҳо, аз хурд то калон,
ба тамаъкорӣ дода шудаанд,
ва аз набӣ гирифта то коҳин,
саросар козибона рафтор мекунанд+.
14 Ва марази духтари қавми Маро сабукфикрона шифо дода,
„Осоиштагӣ! Осоиштагӣ!“ мегӯянд,
вале осоиштагӣ нест+.
15 Оё онҳо шарм медоранд,
вақте ки корҳои зишт мекунанд?
Не, шарм ҳам надоранд, аз ҳаё ҳам бехабаранд;
бинобар ин дар миёни афтодагон хоҳанд афтод,
ва дар рӯзе ки онҳоро доварӣ намоям,
пешпо хоҳанд хӯрд», — мегӯяд Худованд+.
16 Худованд чунин мегӯяд:
«Дар роҳҳо биистед ва назар андозед,
ва дар бораи тариқҳои қадимӣ бипурсед,
ки роҳи нек кадом аст,
ва бо он биравед,
ва барои ҷони худ оромӣ хоҳед ёфт.
Вале онҳо гуфтанд: „Нахоҳем рафт“+.
17 Ва Ман бар шумо посбононро гузоштам:
„Ба садои шох гӯш диҳед!“
Вале онҳо гуфтанд: „Гӯш нахоҳем дод“+.
18 Бинобар ин, эй халқҳо, бишнавед,
ва эй ҷамоат, бидонед, ки чиҳо ба онҳо рӯй хоҳад дод.

[19] Бишнав, эй замин! Инак, Ман мусибате бар ин қавм меоварам,
ки самари афкори онҳост;
зеро ки онҳо ба суханони Ман гӯш надоданд,
ва шариати Маро рад карданд+.
[20] Лебӯное ки аз Шабо, ва наи атрогине ки аз кишвари дурдаст оварда
мешавад,
ба Ман чӣ лозим аст?
Қурбониҳои сӯхтании шумо табъи дил нест,
ва забҳҳои шумо ба Ман хуш намеояд+.
[21] Бинобар ин Худованд чунин мегӯяд:
„Инак, Ман пеши ин қавм монеаҳо мегузорам,
ва падарону писарон якҷоя,
ҳамсоя ва ёри вай пешпо хӯрда, талаф хоҳанд шуд“»+.
[22] Худованд чунин мегӯяд:
«Инак, қавме аз замини шимол меоянд,
ва халқи бузурге аз ақсои замин бармехезанд+.
[23] Онҳо камон ва мизроқ дар досташон доранд;
сангдил ҳастанд ва раҳм намекунанд;
овозашон мисли баҳр мехурӯшад,
ва бар аспон савор мешаванд;
чун як тан барои ҷанг ба зидди ту,
эй духтари Сион, саф бастаанд».
[24] Овозаи варо шунидем, ва дастҳои мо суст шуд:
азоб ва дард моро, мисли зане ки мезояд,
дар бар гирифт+.
[25] Ба саҳро набароед, ва дар роҳ равона нашавед,
зеро ки шамшери душман ва даҳшат
аз ҳар тараф аст+.
[26] Эй духтари қавми ман!
Палос бипӯш ва хокистар бар худ бипош;
мисли зане ки писари ягонааш мурда бошад,
мотам бигир ва зор-зор гирья бикун,
зеро ки тороҷгар ногаҳон бар мо меояд+.
[27] «Туро дар миёни қавми Худ имтиҳонкунанда
ва заршинос қарор додаам,
то ки роҳи онҳоро бидонӣ ва имтиҳон намоӣ+.

28 Ҳамаашон муртадҳои гузаро ҳастанд,
ва бӯҳтон зада мегарданд;
онҳо мис ва оҳан мебошанд,
ва ҳамаашон фасодпешаанд.
29 Дами заргарӣ нимсӯхта шуд; сурб дар оташ фано шуд;
заргар бар абас гудохт, чунки шарирон ҷудо нашуданд.
30 Онҳоро нуқраи мардуд меноманд,
зеро ки Худованд онҳоро рад намудааст»+.

## Калом назди дарвозаи хонаи Худованд.

# 7

1 Каломе ки аз ҷониби Худованд бар Ирмиё нозил шуда, гуфт:
2 «Назди дарвозаи хонаи Худованд биист ва дар он ҷо ин
каломро эълон намуда, бигӯй: эй ҳамаи яҳудиёне ки ба ин дарвоза
дохил мешавед, то ки ба Худованд саҷда намоед, каломи Худовандро
бишнавед!+
3 Худованди лашкарҳо, Худои Исроил чунин мегӯяд: роҳҳои худ
ва аъмоли худро ислоҳ намоед, ва Ман шуморо дар ин макон сокин
хоҳам гардонид+.
4 Ба суханони дурӯғи онҳое ки „ин маъбади Худованд, маъбади
Худованд, маъбади Худованд“ мегӯянд, таваккал накунед,+
5 Балки агар роҳҳои худ ва аъмоли худро ҳақиқатан ислоҳ намоед,
агар дар миёни касе ва ёри вай инсофро дуруст ба амал оваред,+
6 Ғариб, ятим ва бевазанро ба танг наоваред, ва хуни бегуноҳеро
дар ин макон нарезед, ва худоёни бегонаро ба зарари худ пайравӣ
накунед, —
7 Он гоҳ шуморо дар ин макон, дар замине ки ба падаронатон аз
азал то абад бахшидаам, сокин хоҳам гардонид+.
8 Инак, шумо ба суханони дурӯғе ки манфиате намебахшад,
таваккал мекунед.
9 Оё равост, ки шумо ба дуздӣ, қатл ва зино машғулед, ва қасами
дурӯғ мехӯред, ва барои Баал бухур месӯзонед, ва худоёни дигарро,
ки намешинохтед, пайравӣ менамоед,+
10 Баъд аз ин омада, ба ҳузури Ман дар ин хонае ки ба исми Ман
номида шудааст, биистед ва бигӯед: „Мо наҷот ёфтем!“, то ки ҳамаи
ин корҳои зиштро боз ба амал оваред?
11 Оё ин хонае ки ба исми Ман номида шудааст, дар назари шумо
ба дуздхона табдил ёфтааст? Инак, Ман низ инро дидаам, — мегӯяд
Худованд+.
12 Пас, ба макони Ман, ки дар Шилӯ буд, ва исми Худро аввал дар
он ҷо сокин гардонида будам, биравед ва он чиро, ки ба сабаби
шарорати қавми Ман — Исроил ба он кардаам, бубинед.
13 Ва алҳол, аз барои он ки шумо тамоми ин аъмолро ба ҷо
овардед, — мегӯяд Худованд, — ва Ман ҳар рӯз аз субҳидам ба шумо

сухан рондам, вале гӯш накардед, ва шуморо хондам, вале ҷавоб
надодед, —+
[14] Ба ин хонае ки ба исми Ман номида шудааст, ва шумо ба он
таваккал менамоед, ва ба маконе ки ба шумо ва падарони шумо
бахшидаам, ончунон ки ба Шилӯ амал кардам, амал хоҳам кард.
[15] Ва шуморо аз ҳузури Худ хоҳам ронд, ончунон ки ҳамаи
бародарони шуморо, тамоми насли Эфроимро рондам+.
[16] Ва ту барои ин қавм дуо нагӯй, ва барои онҳо овози тазаррӯъ ва
истиғоса баланд накун, ва назди Ман шафоат нанамо, зеро ки Ман
туро иҷобат нахоҳам кард+.
[17] Оё ту намебинӣ, ки онҳо дар шаҳрҳои Яҳудо ва дар кӯчаҳои
Ерусалим чӣ корҳо мекунанд?
[18] Писарон ҳезум ҷамъ меоваранд, ва падарон оташ дармедиҳанд,
ва занон хамир мекунанд, то ки санбӯсаҳо барои маликаи осмон
бипазанд, ва ҳадияҳои рехтанӣ барои худоёни дигар рехта, Маро
хашмгин созанд.
[19] Оё онҳо Маро хашмгин месозанд? — мегӯяд Худованд. — Не,
балки худашонро, то ки рӯйҳои худро нангин созанд.
[20] Бинобар ин Худованд Худо чунин мегӯяд: инак, хашми Ман ва
ғазаби Ман бар ин макон, бар одам ва бар ҳайвон, ва бар дарахти
саҳро ва бар меваи замин рехта мешавад, ва он хоҳад сӯхт ва хомӯш
нахоҳад шуд»+.
[21] Худованди лашкарҳо, Худои Исроил чунин мегӯяд:
«Қурбониҳои сӯхтании худро бар забҳҳои худ илова намоед ва гӯшт
бихӯред;+
[22] Зеро ки ба падарони шумо, дар рӯзе ки онҳоро аз замини Миср
берун овардам, дар бораи қурбониҳои сӯхтанӣ ва забҳҳо сухан
нагуфтаам ва амр нафармудаам,+
[23] Балки ба онҳо чунин амр фармуда, гуфтаам: „Овози Маро
бишнавед, ва Ман Худои шумо хоҳам буд, ва шумо қавми Ман хоҳед
буд; ва ба ҳар роҳе ки ба шумо амр фармоям, биравед, то ки барои
шумо хуб бошад“+.
[24] Валекин онҳо нашниданд ва гӯши худро хам накарданд, балки
бар тибқи машваратҳо ва саркашии дили шарири худ рафтор
карданд, ва ба қафо рӯ оварданд, на ин ки ба пеш,+

[25] Аз ҳамон рӯзе ки падарони шумо аз замини Миср берун
омаданд, то худи имрӯз; ва Ман ҳамаи бандагони Худ — анбиёро
назди шумо фиристодам, — ҳар рӯз аз субҳидам равона намудам,+
[26] Вале онҳо Маро нашниданд ва гӯши худро хам накарданд, ва
гардани худро сахт карда, аз падарони худ бадтар рафтор карданд+.
[27] Ту низ ҳамаи ин суханонро ба онҳо бигӯй, гарчанде ки туро
нахоҳанд шунид; ва онҳоро бихон, гарчанде ки ба ту ҷавоб нахоҳанд
дод.
[28] Ва ба онҳо бигӯй: „Инҳо халқе ҳастанд, ки овози Худованд
Худои худро намешунаванд ва панд намегиранд; ростӣ барбод рафта,
аз даҳонашон нест шудааст.
[29] Мӯйсари худро тарошида, бипарто,
ва бар теппаҳо навҳа бизан,
чунки Худованд аз насле ки Ӯро ба ғазаб овард,
нафрат намуда, онро тарк кардааст“.
[30] Зеро ки банӣ-Яҳудо он чиро, ки дар назари Ман бад аст, ба амал
оварданд, — мегӯяд Худованд, — ва чизҳои зишти худро дар хонае ки
ба исми Ман номида шудааст, гузоштанд, то ки онро палид кунанд;+
[31] Ва минбарҳои Тӯфетро, ки дар водии Бен-Ҳиннӯм воқеъ аст,
бино карданд, то ки писарон ва духтарони худро дар оташ
бисӯзонанд, ки инро Ман амр нафармудаам, ва ин ба хаёлам
наомадааст+.
[32] Бинобар ин, — мегӯяд Худованд, — инак, айёме фаро мерасад,
ки он дигар Тӯфет ва водии Бен-Ҳиннӯм гуфта нахоҳад шуд, балки
водии қатл; ва ба сабаби камии ҷой дар Тӯфет дафн хоҳанд кард.
[33] Ва ҷасадҳои мурдаи ин қавм хӯроки мурғони осмон ва
ҳайвоноти замин хоҳад шуд, ва касе набошад, ки онҳоро гурезонад+.
[34] Ва Ман аз шаҳрҳои Яҳудо ва аз кӯчаҳои Ерусалим садои
шодмонӣ ва садои хурсандӣ, овози домод ва овози арӯсро нест хоҳам
кард, зеро ки ин замин биёбон хоҳад шуд»+.

## Давоми он.

8 [1]«Дар он замон, — мегӯяд Худованд, — устухонҳои подшоҳони
Яҳудо, ва устухонҳои мирони он, ва устухонҳои коҳинон, ва
устухонҳои анбиё, ва устухонҳои сокинони Ерусалимро аз қабрҳои
онҳо берун хоҳанд овард;
[2]Ва он устухонҳоро пеши офтоб ва моҳ ва тамоми лашкари осмон,
ки онҳоро дӯст медоштанд, ва ибодат ва пайравӣ ва ҷустуҷӯ намуда,
пеши онҳо саҷда мекарданд, паҳн хоҳанд кард; он устухонҳо ҷамъ
оварда ва дафн карда нахоҳад шуд, балки мисли ахлоте бар рӯи
замин хоҳад буд+.
[3]Ва тамоми бақияе ки аз ин қабилаи шарир боқӣ мемонад, дар
ҳар маконе ки боқӣ монда бошад, ва Ман онҳоро ба он ҷо бадар ронда
бошам, мамотро аз ҳаёт афзал хоҳанд донист, — мегӯяд Худованди
лашкарҳо+.
[4]Ва ба онҳо бигӯй: Худованд чунин мегӯяд:
магар меафтанд ва намехезанд?
Магар муртад мешаванд ва руҷӯъ намекунанд?
[5]Пас чаро ин қавм, яъне аҳли Ерусалим,
бо муртадии доимӣ муртад шудаанд?
Онҳо ба фиреб маҳкам часпидаанд
ва намехоҳанд руҷӯъ намоянд.
[6]Бодиққат гӯш додам, аммо суханони онҳо аз самими қалб нест:
ҳеҷ кас аз шарорати худ пушаймон шуда,
намегӯяд: „Чӣ корест, ки ман кардаам!“ —
балки ҳар яке, мисли аспе ки ба ҷанг медавад,
дартоз ба роҳи худ руҷӯъ менамояд.
[7]Лайлак низ дар осмон мӯҳлатҳои худро медонад,
ва қумрӣ ва фароштурук
ва турна замони омадани худро риоя мекунанд,
Вале қавми ман аҳкоми Худовандро намедонанд+.
[8]Чи гуна шумо метавонед бигӯед:
„Мо хирадманд ҳастем, ва шариати Худованд бо мост“?
Дар ҳақиқат қалами козиби китобдонон онро ба чизи дурӯғе табдил
медиҳад+.
[9]Хирадмандон шармсор ва ошуфтахотир гардида,

ба дом афтоданд;
инак, онҳо аз каломи Худованд нафрат карданд;
пас хирадмандии онҳо аз чӣ иборат аст?
10 Бинобар ин занони онҳоро ба дигарон хоҳам дод,
киштзорҳои онҳоро — ба ворисони ғайр;
зеро ки ҳамаи онҳо, аз хурд то калон, ба тамаъкорӣ дода шудаанд,
аз набӣ гирифта то коҳин, саросар козибона рафтор мекунанд+.
11 Ва марази духтари қавми Маро сабукфикрона шифо дода,
„Осоиштагӣ! Осоиштагӣ!“ мегӯянд,
вале осоиштагӣ нест+.
12 Оё онҳо шарм медоранд, вақте ки корҳои зишт мекунанд?
Не, шарм ҳам надоранд, аз ҳаё ҳам бехабаранд;
бинобар ин дар миёни афтодагон хоҳанд афтод,
ва дар рӯзе ки онҳоро доварӣ намоям,
пешпо хоҳанд хӯрд — мегӯяд Худованд+.
13 Онҳоро комилан талаф хоҳам кард,
— мегӯяд Худованд. —
На ангуре бар ток боқӣ хоҳад монд,
на анҷире бар дарахти анҷир;
ва баргҳо пажмурда хоҳад шуд, ва он чи ба онҳо додаам,
ба дасти дигарон хоҳад гузашт»+.
14 Пас, мо чаро нишастаем?
Ҷамъ шавед, то ки ба шаҳрҳои истеҳкомдор равем,
ва дар он ҷо талаф шавем;
зеро ки Худованд Худои мо моро гирифтори ҳалокат кардааст,
ва моро оби заҳрдор нӯшонидааст,
чунки пеши Худованд гуноҳ кардаем+.
15 Осоиштагиро умедвор шудем, вале некие ҳосил нашуд;
замони шифоро интизор шудем, ва инак, даҳшат фаро расид+.
16 «Аз ҷониби Дон фах-фахи аспони вай шунида мешавад;
аз садои шеҳаи аспони зӯровараш тамоми замин
ба ларза меояд;
ва онҳо омада, замин ва ҳар чиро, ки дар он аст, —
шаҳр ва сокинонашро талаф мекунанд+.
17 Зеро, инак, Ман бар шумо морони афъиро мефиристам,
ки онҳоро афсун кардан мумкин нест,

ва онҳо шуморо заҳр хоҳанд зад», — мегӯяд Худованд+.
18 Кошки бар андӯҳи худ ғолиб меомадам!
Аммо дилам андаруни ман сӯзиш мекунад.
19 Инак, истиғосаи духтари қавми худро аз кишвари дурдаст мешунавам:
«Магар Худованд дар Сион нест? Магар Подшоҳаш дар он нест?» —
«Чаро онҳо Маро бо бутҳои худ, бо батолатҳои бегона ба ғазаб оварданд?»+
20 «Мавсими дарав гузашт, тобистон тамом шуд, вале мо наҷот наёфтаем».
21 Аз шикасти духтари қавми худ шикастадил ҳастам, тираруй гардидаам;
даҳшат маро фаро гирифтааст+.
22 Оё баласон дар Ҷилъод нест?
Оё табибе дар он ҷо нест?
Пас чаро духтари қавми ман шифо наёфтааст+?

## Давоми он.

[1] Кошки сари ман чашмаи об мебуд, ва чашмонам — чашмаи ашк!
Рӯзу шаб барои шаҳидони духтари қавми худ мегиристам+.
[2] Кошки дар биёбон мусофирхонае меёфтам!
Қавми худро тарк карда, аз пешашон мерафтам,
чунки ҳамаашон зинокоранд, анбӯҳи хоинонанд+.
[3] «Забони худро барои дурӯғ мисли камон зеҳ мекунанд,
ва бар замин на аз барои ростӣ пурзӯр шудаанд,
зеро ки аз як шарорат ба шарорати дигар мегузаранд, вале Маро
намешиносанд», — мегӯяд Худованд+.
[4] Ҳар яке аз ёри худ барҳазар бошед,
ва ба ҳеҷ бародар эътимод накунед,
зеро ки ҳар бародар пойпечак медиҳад,
ва ҳар ёр бӯҳтон зада мегардад+.
[5] Ва ҳар яке ёри худро фиреб медиҳанд,
ва сухани рост намегӯянд:
забони худро ба дурӯғгӯӣ одат кунондаанд,
то ба дараҷаи хастагӣ каҷравӣ менамоянд.
[6] «Маскани ту андаруни макр аст;
аз боиси макр намехоҳанд Маро бишносанд», мегӯяд Худованд.
[7] Бинобар ин Худованди лашкарҳо чунин мегӯяд:
«Инак, Ман онҳоро гудохта, имтиҳон хоҳам намуд,
зеро ки нисбат ба духтари қавми Худ
чӣ гуна метавонам амал кунам+?
[8] Забони онҳо тири қотил аст, бо макр сухан меронад;
бо даҳони худ ба ёри худ суханони сулҳомез мегӯянд,
вале дар дили худ бар вай камин мегиранд+.
[9] Оё барои чунин аъмол ҷазо нахоҳам дод? — мегӯяд Худованд. —
Ва оё ҷони Ман аз чунин халқ интиқом нахоҳад гирифт?»+
[10] Барои кӯҳҳо гирья ва нола мекунам,
ва барои чарогоҳҳои биёбон — навҳагарӣ,
зеро онҳо сӯхтааст, ба тавре ки касе аз он ҷо гузар намекунад,
ва садои рамаҳо шунида намешавад:
аз мурғони осмон гирифта то чорпоён пароканда шуда рафтаанд+.
[11] «Ва Ман Ерусалимро ба сангтӯдаҳо,

ба маъвои шағолон табдил хоҳам дод,
ва шаҳрҳои Яҳудоро биёбони ғайримаскуне хоҳам гардонид»+.
12 Кист марди хирадманд, ки инро тавонад фаҳм кунад, ва даҳони
Худованд ба ӯ сухан гуфта бошад, ва ӯ эзоҳ диҳад, ки чаро замин
талаф шуда, мисли биёбоне сӯхтааст, ба тавре ки касе аз он ҷо гузар
намекунад?
13 Ва Худованд мегӯяд: «Чунки онҳо шариати Маро, ки дар
пешашон гузошта будам, тарк карданд, ва ба овози Ман гӯш
надоданд, ва бар тибқи он рафтор накарданд,
14 Балки ба саркашии дили худ пайравӣ намуданд, ва ба Баалҳо
низ, чунон ки падаронашон онҳоро таълим додаанд».
15 Бинобар ин Худованди лашкарҳо, Худои Исроил чунин мегӯяд:
«Инак, Ман онҳоро, яъне ин қавмро, явшон хоҳам хӯронид, ва онҳоро
оби заҳрдор хоҳам нӯшонид+.
16 Ва онҳоро дар миёни халқҳое ки онҳо ва падаронашон
намешинохтанд, пароканда хоҳам кард, ва шамшерро аз қафои онҳо
хоҳам фиристод, то ки онҳоро талаф намоям»+.
17 Худованди лашкарҳо чунин мегӯяд:
«Диққат диҳед, ва занони навҳагарро бихонед,
то ки биёянд,
ва назди занони хирадманд бифиристед, то ки биёянд;+
18 Бигзор онҳо шитоб намуда, барои мо навҳагарӣ кунанд,
то ки аз чашмони мо сиришк резад,
ва аз мижгони мо об ҷорӣ шавад+.
19 Зеро ки садои навҳа аз Сион шунида мешавад:
„Чӣ сон мо тороҷ шудаем!
Мо бағоят шармсор гардидаем,
зеро ки заминро тарк кардаем,
ва масканҳои мо фурӯ ғалтидааст“».
20 Пас, эй занон, каломи Худовандро бишнавед,
ва бигзор гӯши шумо каломи даҳони Ӯро бипазирад;
ва шумо ба духтарони худ навҳаро таълим диҳед,
ва ҳар зан ба дугонаи худ — овозандозиро.
21 Зеро ки мамот ба тирезаҳои мо баромада,
ба кӯшкҳои мо дохил шудааст, то ки тифлонро аз кӯчаҳо
ва ҷавононро аз майдонҳо талаф намояд.

[22] Бигӯй: «Худованд чунин мегӯяд:
„Ва ҷасадҳои одамон мисли ахлоте
бар рӯи саҳро,
ва мисли бандҳо дар қафои даравгар афтодааст,
ва касе нест, ки онҳоро ҷамъ кунад“»+.
[23] Худованд чунин мегӯяд: «Бигзор хирадманд бо хиради худ
наболад, ва зӯровар бо зӯри худ наболад, ва сарватдор бо сарвати худ
наболад,+
[24] Балки каси боланда фақат бо ин биболад, ки Маро фаҳм мекунад
ва мешиносад, ки Ман Худованд ҳастам, ки марҳамат, инсоф ва
адолатро бар замин ба амал меоварам, зеро фақат ҳамин барои Ман
матлуб аст», — мегӯяд Худованд+.
[25] «Инак, айёме фаро мерасад, — мегӯяд Худованд, — ки Ман
ҳамаи онҳоеро, ки дар ҷисм махтун ҳастанд, ҷазо хоҳам дод:
[26] Миср ва Яҳудо, ва Адӯм ва банӣ-Аммӯн ва Мӯоб, ва ҳамаи
онҳоеро, ки мӯи чаккаҳошонро метарошанд ва дар биёбон сокинанд;
зеро ки ҳамаи ин халқҳо номахтунанд, ва тамоми хонадони Исроил
дили номахтун доранд»+.

## Охири каломи назди дарвоза: Худо бутҳоро несту нобуд карда, қавми Худро ҷазо хоҳад дод.

0

1 Каломеро, ки Худованд ба шумо, эй хонадони Исроил, мегӯяд, бишнавед.
2 Худованд чунин мегӯяд:
«Роҳи халқҳоро таълим нагиред ва аз аломоти осмон натарсед,
чунон ки халқҳо аз онҳо метарсанд;
3 Зеро ки фароизи қавмон ҳеҷу пуч аст:
дарахте аз ҷангал мебурранд,
ки онро дасти наҷҷор бо тешае метарошад,
4 Бо нуқра ва тилло онро зинат медиҳад,
бо меххо ва болға мустаҳкам мекунад,
то ки ноҷунбон бошад+.
5 Онҳо мисли хӯсае дар полиз мебошанд,
ва наметавонанд сухан ронанд;
онҳоро бардошта бурдан лозим аст,
чунки наметавонанд қадам зананд.
Аз онҳо натарсед,
зеро ки наметавонанд осебе расонанд,
валекин некӣ кардан ҳам аз дасташон намеояд»+.
6 Монанди Ту, эй Худованд, нест!
Ту бузург ҳастӣ, ва исми Ту дар қудрат бузург аст+.
7 Кист, ки аз Ту, эй Подшоҳи халқҳо, натарсад?
Зеро ки Ту сазовори ин ҳастӣ;
чунки дар миёни ҳамаи хирадмандони халқҳо
ва дар тамоми мамоликашон монанди Ту нест+.
8 Онҳо аз як сар ҷоҳил ва беақл мебошанд;
таълимоташон ҳеҷу пуч аст: аз ғӯлачӯб иборат аст.
9 Нуқраи тахтагӣ аз Таршиш оварда шудааст, ва тилло — аз Уфоз;
маснӯи наҷҷор ва амали дасти заргар аст;
матои лоҷвард ва арғувон либоси онҳост;
ҳамаи онҳо маснӯоти ҳунармандон аст+.
10 Вале Худованд Худои ростист;
Ӯ Худои Ҳай ва Подшоҳи ҷовидонист;
аз ғазаби Ӯ замин ба ларза меояд,

ва халқҳо ба қаҳри Ӯ наметавонанд тоб оваранд.
11 Ба онҳо чунин бигӯед: худоёне ки осмон ва заминро наофаридаанд,
аз рӯи замин ва аз зери осмон
нест хоҳанд шуд+.
12 Ӯ заминро бо қуввати Худ офарид,
дуньёро бо ҳикмати Худ барқарор намуд,
ва осмонро бо хиради Худ густаронид+.
13 Ҳамин ки Ӯ овоз диҳад, обҳо дар осмон ғулғула меандозад,
ва Ӯ абрҳоро аз ақсои замин боло мебардорад,
барқҳоро барои борон ба вуҷуд меоварад,
ва бодро аз махзанҳои Худ берун меоварад+.
14 Ҳар одам аз ақл бегона,
ва ҳар заргар аз санаме ки сохтааст,
шармсор хоҳад шуд,
зеро ки бутҳои вай чизи дурӯғ аст,
ва ҳеҷ нафасе дар онҳо нест+.
15 Онҳо ҳеҷу пуч аст, амали фиребгарист;
чун ба доварӣ дучор оянд, нест хоҳанд шуд.
16 Ӯ, ки насибаи Яъқуб аст, мисли онҳо нест,
зеро ки Ӯ Офаринандаи тамоми мавҷудот аст,
ва Исроил сибти мероси Ӯст;
исми Ӯ Худованди лашкарҳост+.
17 Эй, ки дар муҳосира нишастаӣ,
бору буди худро аз замин бардор,
18 Зеро ки Худованд чунин мегӯяд:
«Инак, Ман ҳамин дафъа сокинони ин заминро
дур хоҳам андохт,
ва онҳоро ба танг хоҳам овард, то ки фаҳм кунанд».
19 Вой бар ман дар ин шикасти ман!
Ҷароҳати ман сахт аст; вале ман гумон карда будам,
ки ин фақат нотобист, ва ман онро паси сар хоҳам кард+.
20 Хаймаи ман хароб гардид, ва ҳамаи танобҳоям канда шуд;
писаронам аз пеши ман рафтанд, ва онҳо нестанд:
дигар касе нест, ки хаймаи маро бигустаронад
ва пардаҳои маро биовезад;+
21 Зеро ки чӯпонон аз ақл бегона шуданд,

ва Худовандро ҷустуҷӯ накарданд,
бинобар ин муваффақият наёфтанд,
ва тамоми рамаи онҳо пароканда шуд+.
22 Инак, овозае ба гӯш мерасад,
ва ғулғулаи азиме аз кишвари шимолӣ,
то ки шаҳрҳои Яҳудоро ба биёбон,
ба маъвои шағолон мубаддал намояд+.
23 Ман, эй Худованд, медонам, ки роҳи одам
дар ихтиёри вай нест,
ва касе ки роҳ меравад, қадамҳои худро наметавонад ҳидоят
намояд+.
24 Маро, эй Худованд, ҷазо бидеҳ, аммо аз рӯи инсоф,
на аз рӯи ғазаби Худ: мабодо маро кам кунӣ+.
25 Ғазаби Худро бар халқҳое бирез, ки Туро намешиносанд,
ва бар қабилаҳое ки исми Туро намехонанд;
зеро ки онҳо Яъқубро хӯрдаанд, ва ӯро хӯрда,
талаф намудаанд,
ва манзили ӯро хароб кардаанд+.

## Мазаммат намудан қавмро барои беимонӣ.

## Ҳаёти Ирмиё дар хатар.

11 [1] Каломе ки бар Ирмиё аз ҷониби Худованд нозил шуда,
гуфт:
[2] «Суханони ин аҳдро бишнавед ва ба мардони Яҳудо ва сокинони
Ерусалим бигӯед.
[3] Ва ба онҳо бигӯй: Худованд, Худои Исроил чунин мегӯяд:
малъун бод касе ки суханони ин аҳдро нашнавад,+
[4] Ки онро ба падарони шумо дар рӯзе ки онҳоро аз замини Миср,
аз кӯраи оҳан берун овардам, амр фармуда, гуфтам: овози Маро
бишнавед ва ҳар он чиро, ки ба шумо амр фармоям, ба ҷо оваред, —
ва шумо қавми Ман хоҳед буд, ва Ман Худои шумо хоҳам буд,+
[5] То қасамеро, ки ба падарони шумо хӯрдаам, ба ҷо оварам, яъне
заминеро, ки шир ва асал дар он ҷорист, чунон ки имрӯз аст, ба онҳо
бидиҳам». Ва ман дар ҷавоб гуфтам: «Омин, эй Худованд»+.
[6] Ва Худованд ба ман гуфт: «Ҳамаи ин суханонро дар шаҳрҳои
Яҳудо ва дар кӯчаҳои Ерусалим эълон намо ва бигӯй: суханони ин
аҳдро бишнавед ва онҳоро ба ҷо оваред.
[7] Зеро ки Ман падарони шуморо, аз рӯзе ки онҳоро аз Миср берун
овардам, то имрӯз сахт таъкид намудам; ҳар рӯз аз субҳидам онҳоро
таъкид намуда, гуфтам: овози Маро бишнавед.
[8] Валекин онҳо нашниданд ва гӯши худро хам накарданд, балки
ҳар яке бар тибқи саркашии дили шарири худ рафтор карданд; ва
Ман ҳамаи суханони ин аҳдро бар онҳо овардам, ки иҷро кардани
онро Ман ба онҳо амр фармуда будам, вале онҳо иҷро накарданд»+.
[9] Ва Худованд ба ман гуфт: «Суиқасде дар миёни мардуми Яҳудо
ва сокинони Ерусалим вуҷуд дорад:+
[10] Онҳо ба гуноҳҳои аҷдоди худ, ки аз шунидани суханони Ман рӯ
тофта буданд, баргаштанд, ва онҳо худоёни дигарро пайравӣ
карданд, то ки ба онҳо ибодат намоянд. Хонадони Исроил ва
хонадони Яҳудо аҳди Маро, ки бо падаронашон баста будам, поймол
карданд+.
[11] Бинобар ин Худованд чунин мегӯяд: инак, Ман мусибате бар
онҳо хоҳам оварd, ки аз он натавонанд раҳо шаванд, ва сӯи Ман

истиғоса хоҳанд бурд, вале Ман онҳоро иҷобат нахоҳам кард+.
[12] Ва он гоҳ шаҳрҳои Яҳудо ва сокинони Ерусалим рафта, ба
худоёне ки барояшон бухур месӯзонанд, истиғоса хоҳанд бурд, вале
он худоён онҳоро дар вақти мусибаташон ба ҳеҷ ваҷҳ наҷот нахоҳанд
дод+.
[13] Зеро ки худоёни ту, эй Яҳудо, баробари шумораи шаҳрҳои ту
ҳастанд; ва баробари шумораи кӯчаҳои Ерусалим шумо барои
қабоҳат қурбонгоҳҳо барпо кардаед, яъне қурбонгоҳҳо аз баҳри
сӯзонидани бухур барои Баал+.
[14] Ва ту барои ин қавм дуо нагӯй, ва барои онҳо овози тазаррӯъ ва
истиғоса баланд накун, зеро вақте ки онҳо ба сабаби мусибати худ
сӯи Ман бихонанд, иҷобат нахоҳам кард+.
[15] Маҳбуби Маро дар хонаи Ман чӣ кор аст,
дар сурате ки ӯ бисьёр корҳои бад кардааст?
Ва оё гӯшти муқаддас метавонад гуноҳҳоятро аз ту дур кунад,
ки дар вақти бадкирдории худ ин қадар ваҷд менамоӣ+?
[16] Худованд туро зайтуни сарсабзи хушсамар ва хушманзар
номидааст,
ва алҳол Ӯ бо садои ғулғулаи азиме бар вай оташ зад, ва шохаҳои он
шикаст+.
[17] Ва Худованди лашкарҳо, ки ниҳоли туро шинондааст, мусибате
бар ту фармуд, аз боиси бадие ки хонадони Исроил ва хонадони
Яҳудо ба муқобили худашон карданд, яъне барои Баал бухур
сӯзонида, Маро ба ғазаб оварданд»+.
[18] Ва Худованд ба ман маълум кард, ва ман донистам:
он гоҳ Ту аъмоли онҳоро ба ман нишон додӣ.
[19] Ва ман мисли барраи дастомӯзе будам, ки онро ба забҳ мебаранд;
ва намедонистам, ки бар зидди ман ниятҳои баде доранд:
«Дарахтро бо меваи он талаф намоем,
ва аз арсаи ҳаёт онро барканем, то ки номаш дигар зикр наёбад»+.
[20] Вале Ту, эй Худованди лашкарҳо, ки довари одил ҳастӣ,
ва ботину дилро меозмоӣ, чунин бикун,
ки аз онҳо интиқом гирифтанатро бубинам,
зеро ки даъвои худро пеши Ту зоҳир намудаам+.
[21] Бинобар ин Худованд чунин мегӯяд дар ҳаққи мардуми Анотӯт,
ки қасди ҷони ту дошта, мегӯянд: «Ба исми Худованд нубувват

накун, то ки аз дасти мо намирӣ»+.
22 Бинобар ин Худованди лашкарҳо чунин мегӯяд: «Инак, онҳоро
ҷазо хоҳам дод: ҷавононашон ба дами шамшер хоҳанд мурд,
писаронашон ва духтаронашон аз қаҳтӣ хоҳанд мурд.
23 Ва бақияе аз онҳо нахоҳад монд, зеро ки Ман бар мардуми
Анотӯт дар соли ҷазои онҳо мусибате хоҳам овард».

## Фош кардани гуноҳҳои қавм.

2 [1] Ту, эй Худованд, одил хоҳӣ баромад,
агар ман бо Ту мубоҳиса намоям,
аммо бо Ту дар бораи доварӣ сухан хоҳам ронд:
чаро роҳи шарирон муваффақиятнок аст,
ва ҳамаи хоинон некрӯзанд+?
[2] Ту ниҳоли онҳоро шинондаӣ, ва онҳо реша давондаанд,
ва нашъунамо ёфта, мева ҳам додаанд;
Ту ба даҳони онҳо наздик ҳастӣ, валекин аз ботинашон — дур+.
[3] Ва Ту, эй Худованд, маро медонӣ,
ва маро дидаӣ, ва дили маро нисбат ба Худат имтиҳон намудаӣ.
Пас онҳоро мисли гӯсфандон барои забҳ берун овар,
ва онҳоро барои рӯзи қатл таъин намо+.
[4] То ба кай замин мотам хоҳад гирифт,
ва алафи ҳамаи саҳроҳо хушк хоҳад шуд?
Чорпоён ва мурғон аз боиси шарорати сокинони он талаф мешаванд,
зеро ки он шахсон мегӯянд: «Ӯ ояндаи моро нахоҳад дид»+.
[5] «Агар ту бо пиёдагардон давида, хаста шуда бошӣ,
чӣ гуна бо аспсаворон мусобиқа хоҳӣ кард?
Ва агар дар сарзамини осоишта ту ба ҳарос афтода бошӣ,
дар ҷангалистони анбӯҳи Урдун чӣ гуна рафтор хоҳӣ кард?
[6] Зеро ки ҳатто бародаронат ва хонадони падарат,
ҳатто онҳо ба ту хиёнат менамоянд,
ҳатто онҳо аз қафоят бо овози баланд хитоб мекунанд;
ба онҳо, вақте ки ба ту суханони нек гӯянд, бовар накун»+.
[7] «Хонаи Худро тарк кардам; мероси Худро партофтам;
ҷононаи Худро ба дасти душманонаш супурдам.
[8] Мероси Ман барои Ман мисли шери ҷангал шуд:
овозашро ба Ман баланд кард, бинобар ин аз вай нафрат намудам.
[9] Оё мероси Ман бози рангин аст,
ки бозони дигар аз ҳар тараф ба он ҳамла карданд?
Рафта, тамоми ҳайвоноти саҳроро ҷамъ кунед,
ва омада, гӯшти онро бихӯред+.
[10] Чӯпонони бисьёр токзори Маро хароб карданд,
қитъаи Маро поймол сохтанд;

қитъаи маҳбуби Маро ба биёбони вайронае табдил доданд+.
11 Онро вайрона карданд,
ва он вайрона шуда, пеши Ман мотам гирифтааст;
тамоми замин вайрона шудааст,
зеро касе нест, ки инро дар дили худ роҳ диҳад.
12 Ба ҳамаи теппаҳои биёбон тороҷгарон омаданд,
чунки шамшери Худованд аз як канори замин
то канори дигари замин талаф менамояд:
барои ҳеҷ башаре осоиштагӣ нест.
13 Гандум коштанд, вале хор даравиданд;
заҳмат кашида, манфиате надиданд;
ва шумо аз маҳсулоти худ, ба сабаби оташи хашми Худованд, хиҷил гардед»+.

14 Худованд дар бораи ҳамаи ҳамсоягони шарири Худ, ки таҷовуз
менамоянд ба мулке ки Ӯ ба қавми Худ — Исроил мерос додааст,
чунин мегӯяд: «Инак, Ман онҳоро аз заминашон хоҳам барканд, ва
хонадони Яҳудоро аз миёни онҳо хоҳам барканд+.

15 Ва баъд аз он ки онҳоро барканам, Ман руҷӯъ намуда, ба онҳо
раҳм хоҳам кард, ва ҳар якеро ба мулки вай, ва ҳар якеро ба замини
вай хоҳам баргардонид+.

16 Ва агар онҳо роҳҳои қавми Маро ба хубӣ таълим гирифта, ба
исми Ман, яъне „ба ҳаёти Худованд“ гӯён қасам ёд кунанд, — чунон
ки онҳо ба қавми Ман таълим дода буданд, ки ба Баал қасам ёд
кунанд, — дар он сурат онҳо дар миёни қавми Ман ҷойгир хоҳанд
шуд+.

17 Вале агар нашнаванд, он гоҳ чунин халқро барканда, талаф
хоҳам намуд», — мегӯяд Худованд.

## Камарбанди катон — симои қавми фосидшуда.

13 [1] Худованд ба ман чунин гуфт: «Бирав ва барои худ
камарбанди катоне бихар ва онро бар камари худ бибанд, вале
онро дар об нағӯтон»+.
[2] Ва ман камарбандро мувофиқи каломи Худованд харидам, ва
онро ба камари худ бастам.
[3] Ва каломи Худованд дафъаи дуюм бар ман нозил шуда, гуфт:
[4] «Камарбандеро, ки харидӣ, ва он бар камари туст, бигир, ва
бархоста, сӯи Фурот рав ва онро дар шикофи сахра пинҳон кун».
[5] Ва ман рафта, онро назди Фурот пинҳон кардам, чунон ки
Худованд ба ман амр фармуд.
[6] Ва баъд аз гузаштани рӯзҳои зиёде Худованд ба ман гуфт:
«Бархоста, сӯи Фурот рав, ва камарбандеро, ки ба ту амр фармуда
будам, ки дар он ҷо пинҳон кунӣ, аз он ҷо бигир».
[7] Ва ман сӯи Фурот рафта, кофтам, ва камарбандро аз ҷое ки
пинҳон карда будам, гирифтам, ва инак, камарбанд пӯсида буд, ба
тавре ки мутлақо кор намеомад.
[8] Ва каломи Худованд бар ман нозил шуда, гуфт:
[9] «Худованд чунин мегӯяд: кибри Яҳудо ва кибри азими
Ерусалимро ҳамин тавр талаф хоҳам намуд.
[10] Ин қавми шарир, ки аз шунидани суханони Ман гардан
метобанд, саркашии дилҳои худро пайравӣ менамоянд, ва аз қафои
худоёни бегона мераванд, то ки ба онҳо ибодат ва саҷда кунанд,
мисли ин камарбанде ки мутлақо кор намеояд, хоҳанд шуд.
[11] Зеро, чунон ки камарбанд ба камари одам мечаспад, ончунон
Ман тамоми хонадони Исроил ва тамоми хонадони Яҳудоро ба
Худам часпонидам, — мегӯяд Худованд, — то ки барои Ман қавм, ва
исм, ва фахр, ва зинат бошанд, валекин нашниданд.
[12] Ва ту ба онҳо ин каломро бигӯй: Худованд, Худои Исроил чунин
мегӯяд: „Ҳар машк аз шароб пур хоҳад шуд“. Ва онҳо ба ту хоҳанд
гуфт: „Оё мо намедонем, ки ҳар машк аз шароб пур хоҳад шуд?“
[13] Ва ту ба онҳо бигӯй: „Худованд чунин мегӯяд: инак, Ман ҳамаи
сокинони ин заминро бо подшоҳоне ки бар тахти Довуд нишастаанд,
ва коҳинон ва анбиё ва ҳамаи сокинони Ерусалимро аз шароб то ба
дараҷаи мастӣ пур хоҳам кард,+

[14] Ва онҳоро, яъне падарон ва писаронро, ба якдигар зада, пора-
пора хоҳам кард; дар вақти талаф сохтани онҳо дилсӯзӣ, шафқат ва
раҳм нахоҳам кард“»+.
[15] Бишнавед ва гӯш диҳед ва ҳавобаландӣ накунед!
Зеро ки Худованд сухан меронад.
[16] Худованд Худои худро ҷалол диҳед пеш аз он ки Ӯ торикиро падид
оварад,
ва пеш аз он ки пойҳои шумо бар кӯҳҳои тирарангг билағжад;
ва шумо рӯшноиро интизор хоҳед шуд,
вале Ӯ онро зулмот хоҳад гардонид
ва ба абри сиёҳе мубаддал хоҳад кард+.
[17] Ва агар шумо инро нашнавед,
ҷони ман аз дидани ғурури шумо ба таври пинҳонӣ гирья хоҳад
кард;
ва чашми ман зор-зор гириста, ашк хоҳад рехт,
зеро ки рамаи Худованд ба асирӣ бурда шудааст+.
[18] Ба подшоҳ ва ба модари ӯ бигӯй:
«Поёнтар биншинед, чунки аз сарҳотон тоҷи шавкати шумо
афтодааст+.
[19] Шаҳрҳои ҷанубӣ баста шудааст,
ва касе нест, ки онҳоро бикшояд;
тамоми Яҳудо ба асирӣ бурда шудааст,
комилан ба асирӣ бурда шудааст.
[20] Чашмони худро баланд кунед ва онҳоеро,
ки аз шимол меоянд, бубинед;
рамае ки ба ту дода шуда буд,
он рамаи шавкати ту куҷост+?
[21] Ту чӣ хоҳӣ гуфт, чун Ӯ туро танбеҳ намояд?
Худат, охир, онҳоро омӯхта кардаӣ, ки бар ту сардор бошанд;
оё дардҳо туро, мисли зане ки мезояд, фаро намегирад+?
[22] Ва агар дар дили худ бигӯӣ: „Чаро ин чизҳо ба ман рӯй додааст?“ —
ба сабаби гуноҳҳои зиёди ту доманат кушода шудааст,
пошнаҳоят бо зӯрӣ бараҳна гардидааст+.
[23] Оё ҳабашӣ метавонад пӯсти худро дигаргун созад,
ва паланг — доғҳои худро?
Ончунон шумо низ, ки ба бадкорӣ омӯхта шудаед,

оё метавонед кори нек бикунед?
24 Ва Ман онҳоро мисли коҳрезае ки бо боди биёбон бурда мешавад,
пароканда хоҳам кард+.
25 Насибаи ту, қисмате ки барои ту аз ҷониби Ман чен карда шудааст,
ҳамин аст, — мегӯяд Худованд, — аз он сабаб, ки ту
Маро фаромӯш кардаӣ ва ба дурӯғ эътимод намудаӣ+.
26 Ва Ман низ доманатро бар рӯи ту бардоштам,
ва аврати ту намудор шуд+.
27 Фиску фуҷури ту ва ваҷди шаҳвонии ту,
зиштии зинокории ту ва қабоҳатҳои туро
бар теппаҳои саҳро дидаам.
Вой бар ту, эй Ерусалим!
Пас аз ин ту то ба кай пок нахоҳӣ шуд?»+

## Пешгӯӣ дар бораи хушксолӣ ва қаҳтӣ.

**14** [1] Каломи Худованд, ки дар бораи хушксолӣ
бар Ирмиё нозил шудааст.
[2] «Яхудо мотам гирифтааст,
ва дарвозаҳояш вайрон шуда, бар замин хобидааст,
ва истиғосаи Ерусалим баланд мешавад+.
[3] Ва акобирашон навкарони худро барои об мефиристанд;
онҳо назди ҳавзҳо меоянд, аммо об намеёбанд;
бо зарфҳои холӣ бармегарданд;
ошуфта ва хиҷил гардида, сарҳои худро мепӯшонанд.
[4] Азбаски замин кафидааст,
зеро дар мамлакат борон наборидааст,
бинобар ин зироаткорон ошуфта гардида,
сарҳои худро мепӯшонанд+.
[5] Ҳатто ғизол дар саҳро зоида, бачаашро тарк мекунад,
чунки сабзае нест.
[6] Ва гӯрхарон бар теппаҳо истода,
мисли шағолон ҳаворо фурӯ мебаранд;
чашмони онҳо хира шудааст, чунки алафе нест».
[7] Агарчи гуноҳҳои мо бар зидди мо шаҳодат медиҳад,
Ту, эй Худованд, ба хотири исми Худ амал намо;
зеро ки муртадиҳои мо бисьёр шудааст,
ва мо пеши Ту гуноҳкор ҳастем+.
[8] Эй умеди Исроил, ки варо дар вақти тангӣ наҷот медиҳӣ!
Чаро Ту дар ин замин мисли бегонае мебошӣ,
ва мисли меҳмоне ки барои шабгузаронӣ омада бошад+?
[9] Чаро Ту мисли шахси саргаранге мебошӣ,
ва мисли паҳлавоне ки наметавонад наҷот диҳад?
Валекин Ту, эй Худованд, дар миёни мо ҳастӣ,
ва мо ба исми Ту номида шудаем, пас моро тарк накун.

[10] Худованд дар бораи ин қавм чунин мегӯяд: «Чунон ки онҳо ба
овора гаштан муҳаббат дошта, пойҳои худро нахостанд боздоранд,
essayончунон Худованд ба онҳо таваҷҷӯҳ накард, ва алҳол гуноҳашонро ба
ёд оварда, онҳоро барои маъсияташон ҷазо медиҳад»+.

[11] Ва Худованд ба ман гуфт: «Барои манфиати ин қавм дуо нагӯй+.

[12] Агар онҳо рӯза доранд, тазаррӯашонро нахоҳам шунид; ва агар
қурбонии сӯхтанӣ ва ҳадияҳои ордӣ биёранд, онро қабул нахоҳам
кард, балки Ман онҳоро бо шамшер ва қаҳтӣ ва вабо талаф хоҳам
намуд»+.
[13] Ва ман гуфтам: «ё Худоё Худовандо! Инак, анбиё ба онҳо
мегӯянд: „Шамшерро нахоҳед дид, ва қаҳтӣ ба шумо воқеъ нахоҳад
шуд, балки осоиштагии пойдоре ба шумо дар ин макон хоҳам дод“»+.
[14] Ва Худованд ба ман гуфт: «Анбиё ба исми Ман бардурӯғ
нубувват мекунанд; Ман онҳоро нафиристодаам ва ба онҳо амр
нафармудаам ва сухане нагуфтаам; онҳо рӯъёи дурӯғ ва ҷоду ва
батолат ва макри дили худро ба шумо нубувват мекунанд+.
[15] Бинобар ин Худованд дар бораи анбиё чунин мегӯяд: онҳо ба
исми Ман нубувват мекунанд, ва ҳол он ки Ман онҳоро
нафиристодаам, ва онҳо мегӯянд: „Шамшер ва қаҳтӣ дар ин замин
воқеъ нахоҳад шуд“; ин анбиё аз шамшер ва қаҳтӣ талаф хоҳанд
шуд+.
[16] Ва қавме ки онҳо бароящон нубувват мекунанд, ба сабаби қаҳтӣ
ва шамшер дар кӯчаҳои Ерусалим партофта хоҳанд шуд, ва касе
нахоҳад буд, ки онҳо ва занони онҳо ва писарон ва духтарони онҳоро
дафн кунад; ва Ман шарорати онҳоро бар онҳо хоҳам рехт+.
[17] Ва ин каломро ба онҳо бигӯй:
„Бигзор чашмонам шабу рӯз ашк резад,
ва ашкаш хотима наёбад;
зеро ки духтари бокираи қавми ман бо шикасти азиме шикаст
хӯрдааст,
бо зарбае ки ҳалокатовар аст+.
[18] Агар ба саҳро бароям, — инак, шаҳидони шамшер;
ва агар ба шаҳр дароям, — инак, гирифторони қаҳтӣ;
зеро ки ҳам набӣ ва ҳам коҳин
бар замин овора шуда мегарданд ва ҳеҷ чизро намедонанд“»+.
[19] Магар Ту Яҳудоро тамоман рад кардаӣ?
Магар ҷони Ту аз Сион нафрат намудааст?
Чаро моро тавре зарба задаӣ, ки барои мо ҳеҷ шифое нест?
Осоиштагиро умедвор шудем, ва ҳеҷ хайре нест;
ва замони шифоро интизор шудем, ва инак, даҳшат падид омад+.
[20] Мо, эй Худованд, ба шарорати худ,

ба маъсияти падарони худ иқрор мебошем,
зеро ки пеши Ту гуноҳ кардаем+.
21 Ба хотири исми Худ моро рад нанамо;
тахти ҷалоли Худро беобрӯ накун;
аҳди Худро, ки бо мо бастаӣ, ба ёд овар ва онро нашикан+.
22 Оё дар миёни бутҳои халқҳо ба вуҷуд оварандагони борон ҳастанд?
Ва оё осмон худ аз худ метавонад борон биборонад?
Ин, охир, Ту, эй Худованд, Худои мо ҳастӣ,
ва мо ба Ту умед хоҳем баст,
зеро ки Ту ҳамаи ин чизҳоро офаридаӣ+.

## Ҳалокати қавм ногузир аст.

**15** [1] Ва Худованд ба ман гуфт: «Ҳатто агар Мусо ва Самуил ба
ҳузури Ман биистанд, ҷони Ман ба ин қавм моил нахоҳад шуд;
онҳоро аз ҳузури Ман дур андоз, то бираванд+.
[2] Ва агар ба ту бигӯянд: „Ба куҷо биравем?“ — ба онҳо бигӯй:
Худованд чунин мегӯяд:
„Он ки маҳкум ба марг аст — ба марг,
ва он ки маҳкум ба шамшер аст — ба шамшер,
ва он ки маҳкум ба қаҳтист — ба қаҳтӣ,
ва он ки маҳкум ба асирист — ба асирӣ дучор хоҳад шуд“+.
[3] Ва Ман бар онҳо чор навъ мусибатро амр хоҳам фармуд, —
мегӯяд Худованд: — Шамшерро барои куштан, ва сагонро барои
даридан, ва мурғони осмон ва ҳайвоноти саҳроро барои хӯрдан ва
талаф кардан+.
[4] Ва Ман онҳоро барои ҳамаи мамлакатҳои замин ба даҳшат
табдил хоҳам дод, аз боиси Менашше ибни Ҳизқиё подшоҳи Яҳудо ва
корҳое ки ӯ дар Ерусалим кардааст+.
[5] Кист, ки бар ту, эй Ерусалим, раҳм кунад,
ва кист, ки ба ту ҳамдардӣ изҳор намояд,
ва кист, ки омада, аҳволи туро бипурсад+?
[6] Ту Маро тарк кардӣ, — мегӯяд Худованд, — ақиб гаштӣ;
бинобар ин Ман дасти Худро бар ту дароз карда,
туро талаф хоҳам намуд: аз пушаймон шудан безорам.
[7] Ва Ман онҳоро назди дарвозаҳои замин бо ғалбер бод хоҳам дод;
қавми Худро аз фарзандҳошон маҳрум сохта, талаф
хоҳам намуд, чунки онҳо аз роҳҳои худ нагаштанд.
[8] Бевазанони онҳо пеши назари Ман аз реги дарьё зиёдтаранд;
бар онҳо, бар модари ҷавонон, тороҷгареро хоҳам овард,
ки дар нимирӯзӣ тороҷ мекунад;
онҳоро ногаҳон дар тарс ва даҳшат хоҳам андохт.
[9] Зане ки ҳафт бача зоидааст, беҳуш гардида,
ҷон медиҳад;
офтоби вай дар миёнаи рӯз ғуруб намуда, вай шармсор ва хиҷил
шудааст;
бақияи онҳоро низ пеши назари душманонашон

ба дами шамшер хоҳам супурд», — мегӯяд Худованд+.
10 Вой бар ман, эй модарам, ки ту маро марде зоидаӣ,
ки тамоми аҳли замин бо ман низоъ ва нифоқ мекунанд!
На ба касе қарз додаам, ва на аз касе қарз гирифтаам,
лекин ҳама ба ман лаънат мехонанд+.
11 Худованд мегӯяд: «Оё Ман туро ба манфиати ту тақвият надодам?
Оё дар замони мусибат ва дар замони тангӣ душманонатро пеши ту
мағлуб накардам?
12 Оё метавонанд оҳан,
яъне оҳани шимолӣ, ва мисро бишкананд?
13 Сарвати ту ва хазинаҳои туро аз боиси ҳамаи гуноҳҳое ки ту дар
тамоми ҳудуди худ кардӣ,
муфт ба тороҷ хоҳам дод+.
14 Ва туро бо душманонат ба замине ки намедонӣ, хоҳам кӯчонид,
зеро ғазаби Ман оташ гирифтааст,
ва он бар шумо аланга хоҳад зад»+.
15 Ту, эй Худованд, инро медонӣ;
пас, маро ба ёд овар ва тафаққуд намо,
ва интиқоми маро аз таъқибкунандагонам бигир;
ба сабаби пурсабрии Худ маро талаф накун;
бидон, ки ба хотири Ту бори нангро бардоштаам+.
16 Суханони Ту пайдо шуд, ва ман онҳоро фурӯ бурдам,
ва каломи Ту шодии ман ва хурсандии дили ман гардид,
зеро ки ман ба исми Ту, эй Худованд Худои лашкарҳо, номида
шудаам+.
17 Дар маҷлиси бозигарон нанишастаам ва дилхушӣ накардаам;
аз дасти Ту танҳо нишастам,
зеро ки Ту маро аз ғазаб пур кардӣ+.
18 Чаро дарди ман доимист, ва захми ман сахт аст,
ба тавре ки шифоро намепазирад?
Ту барои ман чашмаи яъсовар, оби бевафо будӣ+.
19 Бинобар ин Худованд чунин мегӯяд:
«Агар ту баргардӣ, Ман туро қабул хоҳам кард,
он гоҳ ба ҳузури Ман хоҳӣ истод;
ва агар гаронбаҳоро аз ночиз берун оварӣ,
мисли даҳони Ман хоҳӣ буд;

онҳо назди ту хоҳанд баргашт,
вале ту назди онҳо нахоҳӣ баргашт.
[20] Ва Ман туро барои ин қавм ҳисори мустаҳками мисин хоҳам гардонид;
ва онҳо ба муқобили ту хоҳанд ҷангид,
вале бар ту ғолиб нахоҳанд омад,
зеро Ман бо ту ҳастам, то ки туро наҷот диҳам
ва раҳо кунам, — мегӯяд Худованд. —+
[21] Ва туро аз дасти шарирон раҳо хоҳам кард,
ва туро аз дасти ситамгарон халосӣ хоҳам дод».

## Валангор шудани мамлакат ва ба асирӣ рафтани қавм. Ирмиё бояд бе зан бимонад.

16 [1] Ва каломи Худованд бар ман нозил шуда, гуфт:
[2] «Барои худ зан нагир, ва туро дар ин макон писарон ва
духтарон набошанд.
[3] Зеро Худованд дар бораи писарон ва духтароне ки дар ин макон
зоида мешаванд, ва дар бораи модарони онҳо, ки онҳоро мезоянд, ва
дар бораи падарони онҳо, ки онҳоро дар ин замин ба вуҷуд
меоваранд, чунин мегӯяд:
[4] Онҳо аз бемориҳои сахт хоҳанд мурд; барои онҳо касе навҳа
нахоҳад кард, ва онҳо дафн карда нахоҳанд шуд, балки мисли ахлоте
бар рӯи замин хоҳанд буд; ва ба дами шамшер ва аз қаҳтӣ талаф
хоҳанд шуд, ва ҷасадҳои мурдаи онҳо хӯроки мурғони осмон ва
ҳайвоноти замин хоҳад шуд+.
[5] Зеро ки Худованд чунин мегӯяд: ба хонаи мотам надаро, ва
барои навҳа кардан нарав, ва ба онҳо таъзия баён накун; зеро ки Ман,
— мегӯяд Худованд, — осоиштагии Худро, яъне эҳсон ва марҳаматро
аз ин қавм дур кардаам+.
[6] Ва калонон ва хурдон дар ин замин хоҳанд мурд, ва дафн карда
нахоҳанд шуд, ва барои онҳо навҳагарӣ нахоҳанд кард, ва бадани
худро харошида маҷрӯҳ нахоҳанд намуд, ва барои онҳо мӯйсари
худро нахоҳанд тарошид+.
[7] Ва барои онҳо нон нахоҳанд шикаст, то ки ба мотамдорон дар
бораи мурдагонашон таъзия баён кунанд, ва ба онҳо косаи таъзиятро
дар бораи падар ё модарашон нахоҳанд нӯшонид.
[8] Ба хонаи базм низ надаро, то ки бо онҳо нишаста, бихӯрӣ ва
бинӯшӣ.
[9] Зеро ки Худованди лашкарҳо, Худои Исроил чунин мегӯяд: инак,
Ман дар пеши назари шумо ва дар айёми шумо садои шодӣ ва садои
хурсандӣ, овози домод ва овози арӯсро аз ин макон нест хоҳам
кард+.
[10] Ва ҳангоме ки ту ба ин қавм ҳамаи ин суханонро баён намоӣ, ва
онҳо ба ту бигӯянд: „Аз чӣ сабаб Худованд тамоми ин мусибати

бузургро бар зидди мо изҳор кардааст? Ва маъсияти мо чист, ва гуноҳе ки пеши Худованд Худои худ кардаем, чист?“ —+

[11] Он гоҳ ба онҳо бигӯй: аз он сабаб, ки падарони шумо Маро тарк карданд, — мегӯяд Худованд, — ва худоёни дигарро пайравӣ намуда, ба онҳо ибодат ва саҷда карданд, валекин Маро тарк намуданд, ва шариати Маро риоя накарданд+.

[12] Ва шумо аз падарони худ боз ҳам бадтар рафтор кардед, ва ҳар яке аз шумо саркашии дили шарири худро пайравӣ менамояд, бе он ки Маро бишнавад+.

[13] Ба ин сабаб Ман шуморо аз ин замин ба замине ки шумо ва падаронатон надонистаед, хоҳам партофт, ва шумо дар он ҷо худоёни дигарро рӯзу шаб ибодат хоҳед намуд, зеро ки Ман ба шумо шафқат нахоҳам кард+.

[14] Бинобар ин, инак айёме фаро мерасад, — мегӯяд Худованд, — ки дигар гуфта нахоҳад шуд: „Қасам ба ҳаёти Худованд, ки банӣ-Исроилро аз замини Миср берун овард“,

[15] Балки: „Қасам ба ҳаёти Худованд, ки банӣ-Исроилро аз замини шимолӣ ва аз ҳамаи заминҳое ки онҳоро ба он ҷо бадар ронда буд, берун овард“; зеро ки Ман онҳоро ба замине ки ба падаронашон дода будам, хоҳам баргардонид+.

[16] Инак, Ман моҳигирони бисьёрро хоҳам фиристод, — мегӯяд Худованд, — ва онҳоро шикор хоҳанд кард; ва пас аз он сайёдони бисьёрро хоҳам фиристод, ва онҳоро аз болои ҳар кӯҳ ва аз болои ҳар теппа ва аз шикофҳои сахраҳо сайд хоҳанд кард+.

[17] Зеро ки чашмонам бар ҳамаи роҳҳои онҳост: онҳо аз Ман пинҳон нестанд, ва маъсияташон аз чашмони Ман пӯшида нест+.

[18] Ва Ман аввал барои маъсият ва гуноҳашон подоши дучанд хоҳам дод, чунки замини Маро палид намуда, мероси Маро бо ҷасадҳои бутҳошон ва бо қабоҳатҳошон пур кардаанд»+.

[19] «Худовандо! Ту қуввати ман ва муттакои ман
ва паноҳгоҳи ман дар рӯзи тангӣ ҳастӣ!
Назди Ту халқҳо аз ақсои замин омада, хоҳанд гуфт:
„Падарони мо фақат чизҳои дурӯғ ва ҳеҷу пучро,
ки манфиате аз онҳо нест, мерос гирифтаанд“+.
[20] Оё одамизод метавонад барои худ худоён бисозад,
ва ҳол он ки онҳо худо нестанд?»+

21 «Бинобар ин, инак Ман ҳамин дафъа ба онҳо нишон хоҳам дод:
дасти Худ ва иқтидори Худро ба онҳо нишон хоҳам дод,
ва онҳо хоҳанд донист, ки исми Ман Худованд аст.

## Давоми он.

7 [1] Гуноҳи Яҳудо бо қалами оҳанин навишта шудааст,
бо неши алмос бар лавҳи дилҳои онҳо
ва бар шохҳои қурбонгоҳҳои шумо нақш бастааст+.
[2] Чунон ки писарони худро онҳо дар хотир нигоҳ медоранд,
ончунон қурбонгоҳҳои худ ва Ашераҳои худро,
ки назди дарахтони сабз,
бар теппаҳои баланд мебошанд, дар хотир нигоҳ медоранд+.
[3] Эй кӯҳи Ман, ки дар саҳро ҳастӣ!
Сарвати ту ва ҳамаи хазинаҳои туро ба тороҷ хоҳам дод,
минбарҳои туро низ аз боиси гуноҳе ки дар тамоми ҳудуди худ
кардаӣ.
[4] Ва ту бо айби худат аз мероси худ,
ки Ман ба ту додаам, маҳрум хоҳӣ шуд,
ва туро дар замине ки намедонӣ,
ба дасти душманонат ба бандагӣ хоҳам супурд,
зеро ғазаби Ман оташ гирифтааст,
ва он то абад аланга хоҳад зад»+.
[5] Худованд чунин мегӯяд:
«Малъун аст марде ки ба одамизод таваккал мекунад,
ва ҷисмро муттакои худ мегардонад,
ва дилаш аз Худованд дур мешавад+.
[6] Ва ӯ мисли дарахти аръар дар бодия хоҳад буд,
ва нахоҳад дид, ки кай некӣ меояд;
ва дар ҷойҳои хушки биёбон,
дар шӯразамини ғайримаскун сокин хоҳад шуд+.
[7] Муборак аст марде ки ба Худованд таваккал мекунад,
ва Худованд пушту паноҳи ӯст;+
[8] Ва ӯ мисли дарахте хоҳад буд, ки назди об шинонда шудааст,
ва решаҳояшро ба сӯи ҷӯйҳо равона мекунад,
ва аз омадани гармо наметарсад, ва баргҳояш сабз аст,
ва дар хушксолӣ ғам намехӯрад,
ва аз мева додан бознамемонад+.
[9] Дил аз ҳама чиз маккортар аст, ва он шифонопазир аст;
кист, ки онро тавонад дарк кунад?

10 Ман, Худованд, дилро тафтиш мекунам ва ботинро меозмоям,
то ки ба ҳар кас бар тибқи роҳҳояш,
бар ҳасби самари аъмолаш подош диҳам»+.
11 «Кабк бар тухмҳое ки худаш назоидааст, менишинад:
чунин аст шахсе ки бо роҳи ғайриодилона сарват меандӯзад;
дар нисфи умраш он сарват ӯро тарк хоҳад кард,
ва дар охири умраш ӯ нокас хоҳад буд+.
12 Тахти ҷалол, ки макони муқаддаси мост,
аз азал баланд аст.
13 Ту умеди Исроил ҳастӣ, эй Худованд!
Ҳамаи онҳое ки Туро тарк мекунанд, шармсор хоҳанд шуд;
ва онҳое ки аз ман дур мешаванд, бар хок навишта хоҳанд шуд,
зеро ки онҳо Худовандро, ки чашмаи оби ҳаёт аст, тарк кардаанд+.
14 Маро, эй Худованд, шифо бидеҳ, ва ман шифо хоҳам ёфт;
маро наҷот деҳ, ва ман наҷот хоҳам ёфт,
зеро ки Ту ҳамду санои ман ҳастӣ.
15 Инак, онҳо ба ман мегӯянд:
„Каломи Худованд куҷост?
Бигзор он ба амал ояд!“+
16 Вале ман ба пайравии Ту барои он нашитофтаам,
ки чӯпон бошам,
ва рӯзи мусибатро орзу накардаам, — Ту инро медонӣ;
он чи аз даҳони ман берун омадааст, ба ҳузури Ту ошкор аст.
17 Барои ман сабаби тарсу ҳарос набош;
Ту дар рӯзи мусибат паноҳгоҳи ман ҳастӣ+.
18 Бигзор таъқибкунандагони ман хиҷил шаванд, вале ман хиҷил
нашавам;
бигзор онҳо ҳаросон шаванд, вале ман ҳаросон нашавам;
бар онҳо рӯзи мусибатро биёр,
ва онҳоро бо шикасти дучанд торумор намо»+.

## Нутқи Ирмиё назди дарвоза дар бораи рӯзи шанбе.

19 Худованд ба ман чунин гуфт: «Бирав ва назди дарвозаи
писарони қавм, ки подшоҳони Яҳудо аз он медароянд ва аз он
мебароянд, ва назди ҳамаи дарвозаҳои Ерусалим биист,

[20] Ва ба онҳо бигӯй: „Каломи Худовандро бишнавед, эй подшоҳони
Яҳудо ва тамоми аҳли Яҳудо ва ҳамаи сокинони Ерусалим, ки аз ин
дарвозаҳо медароед!
[21] Худованд чунин мегӯяд: аз ҷонҳои худ бохабар бошед, ва дар
рӯзи шанбе ҳеҷ боре набардоред, ва онро ба дарвозаҳои Ерусалим
надароред;+
[22] Ва дар рӯзи шанбе аз хонаҳотон ҳеҷ боре набароред, ва ҳеҷ коре
накунед, балки рӯзи шанберо тақдис намоед, чунон ки Ман ба
падарони шумо амр фармудаам;+
[23] Валекин онҳо нашниданд ва гӯши худро хам накарданд, балки
гарданкашӣ карданд, то ки нашнаванд ва пандро напазиранд.
[24] Ва агар шумо Маро бишнавед, — мегӯяд Худованд — ва дар рӯзи
шанбе ҳеҷ боре ба дарвозаи ин шаҳр надароред, ва рӯзи шанберо
тақдис намуда, дар ин рӯз ҳеҷ коре накунед,
[25] Дар он сурат подшоҳон ва мироне ки бар тахти Довуд
менишинанд ва бар аробаҳо ва аспон савор мешаванд, — худашон ва
вазиронашон, мардони Яҳудо ва сокинони Ерусалим аз дарвозаҳои
ин шаҳр дохил хоҳанд шуд, ва ин шаҳр то абад маскун хоҳад буд+.
[26] Ва аз шаҳрҳои Яҳудо, ва аз атрофи Ерусалим, ва аз замини
Биньёмин, ва аз даштрӯя ва кӯҳсор ва ҷануб хоҳанд омад, ва
қурбониҳои сӯхтанӣ ва забҳҳо, ва ҳадияҳои ордӣ, ва лебӯно хоҳанд
овард, ва қурбониҳои шукронаро ба хонаи Худованд хоҳанд овард+.
[27] Ва агар Маро нашнида, рӯзи шанберо тақдис нанамоянд ва дар
рӯзи шанбе боре бардошта, ба дарвозаҳои Ерусалим дароянд, он гоҳ
Ман ба дарвозаҳояш оташ хоҳам зад, — ва он қасрҳои Ерусалимро
хоҳад сӯзонид ва хомӯш нахоҳад шуд“»+.

## Ирмиё дар хонаи кулолгар.

**18** 1 Каломе ки бар Ирмиё аз ҷониби Худованд нозил шуда, гуфт:+

2 «Бархез ва ба хонаи кулолгар фурӯд ой, ва дар он ҷо суханони Худро ба ту хоҳам шунавонид».

3 Ва ман ба хонаи кулолгар фурӯд омадам, ва инак, ӯ бар чархҳо кор мекард+.

4 Ва зарфе ки кулолгар аз гил месохт, дар дасти ӯ вайрон шуд, ва ӯ аз нав зарфи дигаре аз он сохт, ба тавре ки ба чашми кулолгар рост омад, ки бисозад.

5 Ва каломи Худованд бар ман нозил шуда, гуфт:

6 «Оё Ман ба шумо, эй хонадони Исроил, мисли ҳамин кулолгар наметавонам рафтор намоям? — мегӯяд Худованд. — Инак, чунон ки гил дар дасти кӯзагар аст, ончунон шумо, эй хонадони Исроил, дар дасти Ман мебошед+.

7 Баъзан Ман дар бораи халқе ва мамлакате мегӯям, ки онҳоро решакан ва хароб ва талаф хоҳам намуд,+

8 Валекин агар халқе ки дар бораи онҳо ин суханро гуфтаам, аз шарорати худ тавба кунанд, Ман он мусибатеро, ки азм доштам бар онҳо оварам, ботил хоҳам кард+.

9 Ва баъзан Ман дар бораи халқе ва мамлакате мегӯям, ки онҳоро обод ва устувор хоҳам сохт,

10 Валекин агар онҳо пеши назари Ман бадкорӣ карда, ба овози Ман гӯш надиҳанд, Ман он некиро, ки мехостам ба онҳо бикунам, ботил хоҳам кард+.

11 Ва акнун ту ба мардони Яҳудо ва сокинони Ерусалим муроҷиат намуда, бигӯй: „Худованд чунин мегӯяд: инак, Ман мусибате барои шумо муҳайё менамоям, ва қасде ба муқобили шумо дорам; пас шумо ҳар яке аз роҳи бади худ баргардед, ва роҳҳо ва аъмоли худро ислоҳ намоед“+.

12 Вале онҳо мегӯянд: „Не, умеде нест! Зеро ки мо қасдҳои худро пайравӣ хоҳем кард, ва ҳар яке бар тибқи саркашии дили шарири худ рафтор хоҳем намуд“+.

13 Бинобар ин Худованд чунин мегӯяд:
дар миёни халқҳо бипурсед:

кист, ки чизе монанди ин шунида бошад?
Бокираи Исроил маъсияти азиме ба амал овардааст.
14 Оё барфи Лубнон қуллаи кӯҳро тарк мекунад?
Оё обҳои сарде ки аз ҷойҳои дур ҷорист, хушк мешавад?
15 Аммо қавми Ман Маро фаромӯш карда,
барои батолат бухур месӯзонанд,
ва он батолат онҳоро дар роҳҳои онҳо,
ки тариқҳои қадим аст, пешпо мезанад,
то ки бо пайроҳаҳои ҷоддаи нообод қадамгузор шаванд,+
16 То ки замини худро ба биёбон табдил дода,
боиси мадҳушии абадӣ гардонанд,
ба тавре ки ҳар касе ки аз он гузар кунад,
дар ҳайрат афтода, сари худро хоҳад ҷунбонид+.
17 Ман мисли боди шарқӣ онҳоро пеши душман пароканда хоҳам кард;
дар рӯзи ҳалокаташон пуштро ба онҳо нишон хоҳам дод, на ин ки рӯйро»+.
18 Ва онҳо гуфтанд: «Биёед, бар зидди Ирмиё тадбирҳо биандешем,
зеро ки шариат аз коҳин, ва машварат аз хирадманд, ва калом аз
набӣ маҳв нахоҳад шуд; пас биёед, ӯро бо забон зарба занем, ва ба
суханони ӯ гӯш наандозем»+.
19 Ба ман, эй Худованд, гӯш андоз
ва овози мухолифони маро бишнав.
20 Оё ба ивази некӣ бадӣ мекунанд?
Онҳо, охир, барои ҷони ман чоҳ мекананд.
Ба ёд овар, ки ман ба ҳузури Ту истода будам,
то ки дар бораи онҳо суханони нек гуфта,
ғазаби Туро аз онҳо баргардонам+.
21 Бинобар ин писарони онҳоро ба қаҳтӣ гирифтор намо,
ва онҳоро ба дами шамшер бисупор;
бигзор занони онҳо гумкардафарзанд ва бева шаванд,
ва шавҳаронашон куштаи вабо,
ва ҷавононашон дар ҷанг қурбони шамшер гарданд+.
22 Бигзор аз хонаҳои онҳо нолаю фиғон шунида шавад,
вақте ки Ту ногаҳон бар онҳо фавҷе биёрӣ;
зеро ки онҳо барои андармон кардани ман чоҳ кандаанд,

ва домҳо барои пойҳои ман ба таври ниҳонӣ гузоштаанд+.
23 Валекин Ту, эй Худованд, тамоми қасди онҳоро,
ки барои куштани ман доранд, медонӣ;
пас гуноҳи онҳоро наомурз,
ва маъсияти онҳоро аз хотири Худ набарор;
бигзор онҳо ба ҳузури Ту вожгун гарданд;
дар вақти ғазаби Худ бар онҳо доварӣ намо+.

## Кӯзаи шикаста — тимсоли валангор шудани Ерусалим.

# 19

1 Худованд чунин гуфт: «Бирав ва кӯзаи сафолин аз кулолгар
бихар, ва баъзе аз пирони қавм ва пирони коҳинонро бо худ
бигир+.
2 Ва ба водии Бен-Ҳиннӯм, ки дар даҳани дарвозаи Ҳарсит воқеъ
аст, баромада, суханонеро, ки ба ту хоҳам гуфт, дар он ҷо эълон
намо,+
3 Ва бигӯй: „Каломи Худовандро бишнавед, эй подшоҳони Яҳудо
ва сокинони Ерусалим! Худованди лашкарҳо, Худои Исроил чунин
мегӯяд: инак Ман бар ин макон чунон мусибате меоварам, ки ҳар кӣ
онро бишнавад, гӯшҳояш садо хоҳад дод,+
4 Аз барои он ки Маро тарк карданд, ва ин маконро аз Ман бегона
сохтанд, ва дар он барои худоёни дигар, ки худашон ва падаронашон
ва подшоҳони Яҳудо намешинохтанд, бухур сӯзониданд, ва ин
маконро аз хуни бегуноҳон пур карданд;+
5 Ва минбарҳо барои Баал бино карданд, то ки писарони худро
ҳамчун қурбониҳои сӯхтанӣ барои Баал дар оташ бисӯзонанд, ки
инро Ман амр нафармудаам, ва нагуфтаам, ва ин ба хаёлам
наомадааст+.
6 Бинобар ин, — мегӯяд Худованд, — айёме фаро мерасад, ки ин
макон дигар Тӯфет ва водии Бен-Ҳиннӯм номида нахоҳад шуд, балки
водии қатл.
7 Ва машварати Яҳудо ва Ерусалимро дар ин макон ботил хоҳам
кард, ва онҳоро пеши душманонашон ва бо дасти толибони ҷонашон
ба дами шамшер фурӯ хоҳам ғалтонид, ва ҷасадҳои онҳоро хӯроки
мурғони осмон ва ҳайвоноти замин хоҳам гардонид+.
8 Ва ин шаҳрро ба биёбон табдил дода, боиси мадҳушӣ хоҳам
гардонид, ба тавре ки ҳар касе ки аз он гузар кунад, дар ҳайрат афтад
ва аз дидани ҳамаи захмҳояш мадҳуш шавад+.
9 Ва гӯшти писарони онҳо ва гӯшти духтарони онҳоро ба онҳо
хоҳам хӯронид, ва дар муҳосира ва тангие ки душманонашон ва
толибони ҷонашон бар онҳо хоҳанд овард, онҳо гӯшти якдигарро
хоҳанд хӯрд“+.
10 Ва кӯзаро дар пеши назари одамоне ки бо ту меоянд, бишкан.

11 Ва ба онҳо бигӯй: „Худованди лашкарҳо чунин мегӯяд: ин қавм
ва ин шаҳрроончунон хоҳам шикаст, чунон ки зарфи кулолгарро
мешикананд, ва онро дигар дуруст кардан мумкин нест; ва онҳоро,
ба сабаби камии ҷои дафн, дар Тӯфет дафн хоҳанд кард+.
12 Ба ин макон, — мегӯяд Худованд, — ва ба сокинонаш чунин амал
хоҳам кард, ва ин шаҳрро мисли Тӯфет хоҳам гардонид.
13 Ва хонаҳои Ерусалим ва хонаҳои подшоҳони Яҳудо мисли
макони Тӯфет палид хоҳанд шуд, яъне ҳамаи хонаҳое ки бар
бомҳошон барои тамоми лашкари осмон бухур сӯзонидаанд, ва
ҳадияҳои рехтанӣ барои худоёни бегона рехтаанд“»+.
14 Ва Ирмиё аз Тӯфет, ки Худованд ӯро барои нубувват кардан ба
он ҷо фиристода буд, омад ва дар саҳни хонаи Худованд истода, ба
тамоми қавм гуфт:+
15 «Худованди лашкарҳо, Худои Исроил чунин мегӯяд: инак, Ман
бар ин шаҳр ва бар ҳамаи қасабаҳояш тамоми мусибатеро, ки дар
бораи он сухан рондаам, хоҳам овард, чунки онҳо гарданкашӣ карда,
суханони Маро нашнидаанд».

## Пашҳур Ирмиёро таҳқир намуд; пешгӯӣ дар бораи асирии Бобил.

**20** [1] Ва Пашҳур ибни Имери коҳин, ки сардори нозирон дар
хонаи Худованд буд, ин суханонро, ки Ирмиё нубувват кард,
шунид,
[2] Ва Пашҳур Ирмиёи набиро зада, дар шиканҷагоҳе ки дар
дарвозаи болои Биньёмин назди хонаи Худованд буд, андохт+.
[3] Ва фардои он Пашҳур Ирмиёро аз шиканҷагоҳ баровард, ва
Ирмиё ба вай гуфт: «Худованд номи туро Пашҳур* не, балки Магӯр-
Мисавив* хондааст+.
[4] Зеро ки Худованд чунин мегӯяд: инак, Ман туро барои худат ва
барои ҳамаи дӯстонат рамзи даҳшат мегардонам, ва онҳо ба дами
шамшери душманони худ фурӯ хоҳанд ғалтид, ва чашмонат инро
хоҳад дид; ва Ман тамоми Яҳудоро ба дасти подшоҳи Бобил хоҳам
супурд, ва ӯ онҳоро ба Бобил хоҳад бурд, ва онҳоро ба дами шамшер
қатл хоҳад кард;
[5] Ва тамоми сарвати ин шаҳрро, ва тамоми молу мулки онро, ва
тамоми ашьёи гаронбаҳои онро хоҳам супурд; ва ҳамаи ганҷинаҳои
подшоҳони Яҳудоро ба дасти душманонашон хоҳам дод, ва онҳоро
толону тороҷ карда ва тасарруф намуда, ба Бобил хоҳанд бурд+.
[6] Ва ту, эй Пашҳур, ва ҳамаи сокинони хонаи ту ба асирӣ хоҳед
рафт; ва ба Бобил хоҳӣ расид, ва дар он ҷо хоҳӣ мурд, ва дар он ҷо
дафн карда хоҳӣ шуд, — ту, ва ҳамаи дӯстонат, ки барояшон ту
нубуввати бардурӯғ мекардӣ»+.
[7] Худовандо, Ту маро саргарм кардӣ, ва ман саргарм шудам;
Ту аз ман пурзӯртарӣ — ва ғолиб омадӣ;
ман тамоми рӯз хандахариш гардидам:
ҳар кӣ маро тамасхур мекунад+.
[8] Зеро, ҳамин ки ба суханронӣ шурӯъ намоям,
дар бораи зулм фарьёд мезанам,
ва дар бораи тороҷ фиғон мекашам,
чунки каломи Худованд барои ман нанг
ва тамасхури ҳаррӯза гардидааст.
[9] Ва ман ба дили худ гуфтам: «Дигар Ӯро зикр нахоҳам кард,

ва дигар ба исми Ӯ сухан нахоҳам ронд».
Вале он дар дили ман мисли оташи фурӯзон буд,
ки дар устухонҳоям ҷойгир шудааст,
ва ман онро боздошта, хаста гардидаам, ва натавонистам+.
10 Зеро ки аз ҷониби касони бисьёр бӯҳтон шунидам,
ва даҳшат дар гирду пеш буд:
«Арз кунед, ва мо аз ӯ шикоят хоҳем намуд».
Ҳатто ҳамаи онҳое ки дӯсти худ медонистам,
бар ман камин мекунанд:
«Шояд саҳве кунад, ва мо бар ӯ ғолиб оем,
ва интиқоми худро аз ӯ бигирем»+.
11 Лекин Худованд, мисли ҷаббори пуриқтидор,
бо ман аст;
бинобар ин таъқибкунандагони ман пешпо хӯрда, ғолиб нахоҳанд омад;
бағоят шармсор хоҳанд шуд, чунки аблаҳона рафтор карданд;
хиҷолати абадии онҳо фаромӯш нахоҳад шуд+.
12 Вале Ту, эй Худованди лашкарҳо, ки одилро меозмоӣ
ва ботину дилро мебинӣ, чунин бикун,
ки аз онҳо интиқом гирифтанатро бубинам,
зеро ки даъвои худро пеши ту зоҳир намудаам+.
13 Барои Худованд бисароед, Худовандро ҳамду сано гӯед,
зеро ки Ӯ ҷони мискинро аз дасти шарирон наҷот додааст+.
14 Малъун бод рӯзе ки дар он зоида шудаам!
Муборак мабод рӯзе ки модарам маро зоидааст!+
15 Малъун бод шахсе ки ба падарам мужда дода, гуфтааст:
«Барои ту фарзанди нарина зоида шуд!» —
ва ӯро бағоят шод кардааст.
16 Бигзор аҳволи он шахс мисли шаҳрҳое бишавад,
ки Худованд онҳоро вожгун кард ва ҳеҷ таассуф нанамуд;
бигзор вай субҳидам фиғон ва нимирӯзӣ фарьёд бишнавад,+
17 Аз боиси он ки вай маро дар худи батн намиронидааст,
то ки модарам қабри ман бошад,
ва батнаш ҳомилаи абадӣ бимонад+.
18 Чаро ман аз батн берун омадаам,
то ки машаққат ва андӯҳ бубинам,

ва рӯзҳоям дар хиҷолат адо шавад+?

## Набӣ ба Сидқиё асирии Бобилро пешгӯӣ мекунад.

**21** 1 Каломе ки бар Ирмиё аз ҷониби Худованд нозил шуд, вақте
ки подшоҳ Сидқиё Пашҳур ибни Малкиё ва Сафаньё ибни
Маъсиёи коҳинро назди ӯ фиристода, гуфт:+
2 «Лутфан, барои мо аз Худованд бипурс, зеро ки Набукаднесар
подшоҳи Бобил бар зидди мо ҷанг мекунад; шояд, Худованд барои мо
чизе монанди тамоми мӯъҷизоти Ӯ ба амал оварад, то ки вай аз мо
қафо гардад»+.
3 Ва Ирмиё ба онҳо гуфт: «Ба Сидқиё чунин бигӯед:
4 „Худованд, Худои Исроил чунин мегӯяд: инак, Ман олоти ҷангро,
ки дар дасти шумост, ва шумо ба воситаи онҳо бо подшоҳи Бобил ва
калдониёне ки шуморо аз беруни ҳисор муҳосира намудаанд, ҷанг
мекунед, ба самти дигар хоҳам гардонид, ва онҳоро андаруни ин
шаҳр ҷамъ хоҳам овард;
5 Ва Худам бар зидди шумо бо дасти тӯлонӣ ва бозуи қавӣ ва бо
ғазаб ва қаҳр ва хашми азиме ҷанг хоҳам кард;+
6 Ва сокинони ин шаҳрро — ҳам одамон ва ҳам чорпоёнро — зарба
хоҳам зад: онҳо аз вабои бузурге хоҳанд мурд.
7 Ва баъд аз он, — мегӯяд Худованд, — Сидқиё подшоҳи Яҳудо, ва
бандагонаш, ва ин қавм, ва онҳоеро, ки дар ин шаҳр аз вабо, шамшер
ва қаҳтӣ боқӣ мондаанд, ба дасти Набукаднесар, подшоҳи Бобил, ва
ба дасти душмани онҳо, ва ба дасти толибони ҷонашон хоҳам супурд,
ва ӯ онҳоро ба дами шамшер қатл хоҳад кард, ва дар ҳаққи онҳо
дилсӯзӣ, шафқат ва раҳм нахоҳад намуд“+.
8 Ва ба ин қавм бигӯй: „Худованд чунин мегӯяд: инак, Ман ба
шумо роҳи ҳаёт ва роҳи мамотро пешниҳод менамоям:+
9 Ҳар кӣ дар ин шаҳр бимонад, аз шамшер ва қаҳтӣ ва вабо хоҳад
мурд, вале ҳар кӣ баромада, ба калдониёне ки шуморо муҳосира
кардаанд, таслим шавад, зинда хоҳад монд, ва ҷонаш барои вай
ғанимат хоҳад гардид+.
10 Зеро ки рӯи Худро бар ин шаҳр ба бадӣ, ва на ба некӣ,
нигаронидаам, — мегӯяд Худованд. — Он ба дасти подшоҳи Бобил
супурда хоҳад шуд, ва ӯ онро ба оташ хоҳад сӯзонид“+.
11 Ва ба хонадони подшоҳи Яҳудо: „Каломи Худовандро
бишнавед!+

12 Эй хонадони Довуд! Худованд чунин мегӯяд:
бомдодон аз рӯи инсоф доварӣ намоед
ва ситамкашро аз дасти ситамгар раҳо кунед;
мабодо ғазаби Ман, ба сабаби бадии аъмоли шумо,
мисли оташ берун омада, аланга занад,
ва касе набошад, ки онро хомӯш кунад“».
13 «Инак, Ман зидди ту ҳастам,
эй сокинаи водӣ ва эй сахраи ҳомун, —
мегӯяд Худованд, — зидди онҳое ки мегӯянд:
„Кист, ки бар мо ҳуҷум оварад,
ва кист, ки ба масканҳои мо дохил шавад?“+
14 Валекин Ман мувофиқи самари аъмолатон шуморо ҷазо хоҳам дод,
— мегӯяд Худованд, —
ва оташе дар ҷангали он хоҳам зад,
ки тамоми гирду атрофи онро хоҳад сӯзонид»+.

## Охири нубувват.

22 [1]Худованд чунин гуфт: «Ба хонаи подшоҳи Яҳудо фурӯд ой
ва дар он ҷо ин каломро ба забон бирон,
[2]Ва бигӯй: каломи Худовандро бишнав, эй подшоҳи Яҳудо, ки бар
тахти Довуд нишастаӣ, — ту, ва бандагони ту, ва қавми ту, ки ба ин
дарвоза дохил мешаванд.
[3]Худованд чунин мегӯяд: адолат ва инсофро ба амал оваред ва
ситамкашро аз дасти ситамгар раҳо кунед; ва ғариб, ятим ва беваро
озор надиҳед ва зулм накунед, ва хуни бегуноҳро дар ин макон
нарезед+.
[4]Зеро агар шумо ин каломро ҳақиқатан ба ҷо оваред, он гоҳ
подшоҳоне ки бар тахти Довуд менишинанд ва бар аробаҳо ва аспон
савор мешаванд, — худашон, ва бандагонашон, ва қавмашон, — ба
дарвозаи ин хона дохил хоҳанд шуд+.
[5]Вале агар шумо ин суханонро нашнавед, ба Зоти Худ қасам
мехӯрам, — мегӯяд Худованд, — ки ин хона ба харобазор мубаддал
хоҳад шуд+.
[6]Зеро ки Худованд дар бораи хонаи подшоҳи Яҳудо чунин мегӯяд:
ту барои Ман Ҷилъод ва қуллаи Лубнон будӣ,
аммо ба яқин туро биёбоне мисли
шаҳрҳои ғайримаскун хоҳам гардонид,
[7]Ва бар зидди ту харобкунандагонро,
ки ҳар яке бо олоти худ бошад, тақдис хоҳам намуд,
ва онҳо арзҳои гузини туро бурида, дар оташ хоҳанд андохт+.
[8]Ва халқҳои бисьёр аз ин шаҳр хоҳанд гузашт ва ба якдигар
хоҳанд гуфт: „Аз чӣ сабаб Худованд ба ин шаҳри бузург чунин
кардааст?“+
[9]Ва дар ҷавоб хоҳанд гуфт: „Аз он сабаб, ки аҳди Худованд Худои
худро тарк кардаанд, ва ба худоёни дигар саҷда ва ибодат
намудаанд“»+.
[10]Барои мурда гирья накунед ва барои ӯ мотам нагиред,
балки барои касе ки меравад, зор-зор бигирьед,
зеро ки ӯ дигар нахоҳад баргашт
ва замини зодгоҳи худро нахоҳад дид+.

11 Зеро Худованд дар бораи Шаллум ибни Йӯшиё, подшоҳи Яҳудо, ки ба ҷои падараш Йӯшиё подшоҳ шуда, аз он макон берун рафтааст, чунин мегӯяд: «Ӯ дигар ба он ҷо нахоҳад баргашт,
12 Балки дар маконе ки ӯро ба асирӣ бурдаанд, хоҳад мурд ва ин заминро дигар нахоҳад дид»+.
13 «Вой бар касе ки хонаи худро ба ноинсофӣ,
ва болохонаҳояшро ба беадолатӣ бино мекунад:
ёри худро муфт кор фармуда, музди варо намедиҳад,+
14 Ва мегӯяд: „Барои худ хонаи калон
ва болохонаҳои фарох бино мекунам“, —
ва тирезаҳо барои худ мекушояд,
ва онҳоро бо чӯби арз рӯйбаст менамояд ва бо шангарф ранг мекунад.
15 Оё ба он сабаб, ки аз арз биноҳо месозӣ, ту подшоҳӣ хоҳӣ кард?
Падарат, охир, мехӯрд ва менӯшид,
вале адолат ва инсофро риоя менамуд,
бинобар ин аҳволаш хуб буд+.
16 Ӯ ба мискин ва бенаво додрасӣ мекард, бинобар ин аҳволаш хуб буд.
Маҳз ҳамин аст шинохтани Ман, — мегӯяд Худованд+.
17 Аммо чашмони ту ва дили ту фақат ба тамаъкорӣ,
ва ба рехтани хуни бегуноҳон,
ва ба зулму ситам кардан нигаронида шудааст».
18 Бинобар ин Худованд дар бораи Еҳӯёқим ибни Йӯшиё подшоҳи Яҳудо чунин мегӯяд:
«Барои ӯ навҳа нахоҳанд кард:
„Эй вой бародарам!“ ва „Эй вой хоҳарам!“
Барои ӯ навҳа нахоҳанд кард:
„Эй вой оғо!“ ва „Эй вой кибриё!“+
19 Мисли дафни хар мадфун хоҳад шуд:
ҷасадашро кашида бароварда,
дуртар аз дарвозаи Ерусалим хоҳанд партофт»+.
20 «Бар Лубнон баромада, фарьёд зан,
ва бар Бошон овозатро баланд кун, ва аз Аборим фарьёд зан,
зеро ки ҳамаи дӯстдоронат шикаст хӯрдаанд+.
21 Дар вақти некрӯзият туро таъкид карда будам,

аммо ту гуфтӣ:
„Нахоҳам шунид!“
Роҳи ту аз ҷавоният ҳамин буд, ки овози Маро нашнавӣ.
[22] Ҳамаи чӯпонони туро бод хоҳад бурд,
ва дӯстдорони ту ба асирӣ хоҳанд рафт;
он гоҳ аз тамоми шарорати худ хиҷил ва шармсор хоҳӣ шуд.
[23] Эй, ки бар Лубнон нишастаӣ, ва бар арзҳо лона сохтаӣ!
Вақте ки дардҳо мисли азоби зане ки мезояд,
туро фаро гирад, чӣ қадар оҳу воҳ хоҳӣ кард!»+
[24] «Ба ҳаёти Ман қасам, — мегӯяд Худованд, — ки агарчи Коньё
ибни Еҳӯёқим подшоҳи Яҳудо нигине бар дасти рости Ман мебуд, аз
он ҷо ҳам туро мекандам+.
[25] Ва Ман туро ба дасти толибони ҷонат ва ба дасти касоне ки аз
онҳо метарсӣ, ба дасти Набукаднесар подшоҳи Бобил ва ба дасти
калдониён хоҳам супурд.
[26] Ва ту ва модари туро, ки туро зоидааст, ба замини дигаре ки дар
он ҷо зоида нашудаед, хоҳам андохт, ва шумо дар он ҷо хоҳед мурд+.
[27] Ва ба замине ки ҷонашон орзу дорад ба он ҷо баргарданд,
нахоҳанд баргашт».
[28] Оё ин шахс, Коньё, ҳайкали манфури шикастаест,
ё зарфи нодаркорест?
Чаро онҳо — ӯ ва насли ӯ — дур андохта,
ба замине ки намедонистанд, партофта шудаанд+?
[29] Эй замин, эй замин, эй замин!
Каломи Худовандро бишнав!+
[30] Худованд чунин мегӯяд:
«Ин шахсро безоту зуриёт,
марди дар умраш комьёбнашудае бинависед,
зеро ки касе аз наслаш комьёб шуда,
бар тахти Довуд нахоҳад нишаст
ва дар Яҳудо дигар салтанат нахоҳад ронд»+.

## Дар оянда аз нав барқарор шудани Исроил.

## Ғазаби Худо бар чӯпонони бевафо.

23 [1] «Вой бар чӯпононе ки гӯсфандони рамаи Маро гумроҳ ва
пароканда мекунанд!» — мегӯяд Худованд+.
[2] Бинобар ин Худованд, Худои Исроил ба чӯпононе ки қавми маро
мечаронанд, чунин мегӯяд: «Шумо рамаи Маро пароканда намудаед
ва бадар рондаед, ва ба онҳо нигоҳубин накардаед, — инак, Ман
шуморо барои корҳои бадатон ҷазо хоҳам дод, — мегӯяд Худованд.
[3] Ва Ман бақияи рамаи Худро аз ҳамаи заминҳое ки ба он ҷо бадар
рондаам, ҷамъ хоҳам кард, ва онҳоро ба чарогоҳҳошон хоҳам
баргардонид, ва онҳо борвар ва афзун хоҳанд шуд+.
[4] Ва бар онҳо чӯпононро таъин хоҳам намуд, ки онҳоро
бичаронанд; ва онҳо дигар ҳаросон ва мушавваш ва саргум нахоҳанд
шуд, — мегӯяд Худованд+.
[5] Инак, айёме фаро мерасад, — мегӯяд Худованд, —
ки Ман Шохаи одиле барои Довуд барқарор хоҳам намуд,
ва Подшоҳе салтанат хоҳад ронд, ва хирадмандона рафтор хоҳад
намуд,
ва инсофу адолатро дар замин ба амал хоҳад овард+.
[6] Дар айёми Ӯ Яҳудо наҷот хоҳад ёфт,
ва Исроил дар амният сокин хоҳад шуд;
ва ин аст исми Ӯ, ки бо он хонда хоҳад шуд:
„Худованд — адолати мо“+.
[7] Бинобар ин, инак, айёме фаро мерасад, — мегӯяд Худованд, — ки
дигар гуфта нахоҳад шуд: „Қасам ба ҳаёти Худованд, ки банӣ-
Исроилро аз замини Миср берун овард“,
[8] Балки: „Қасам ба ҳаёти Худованд, ки банӣ-Исроилро аз замини
шимолӣ ва аз ҳамаи заминҳое ки онҳоро ба он ҷо бадар ронда буд,
берун овард“; ва онҳо дар замини худ сокин хоҳанд шуд»+.
[9] Дар бораи анбиё.
Дили ман андаруни ман шикастааст,
ҳамаи устухонҳои маро ларза гирифтааст;
мисли шахси масте гардидаам,
ва мисли марде ки шароб бар вай ғолиб омада бошад;

ин ҳама аз баҳри Худованд аст,
аз баҳри суханони муқаддаси Ӯ:
10 Зеро ки замин аз зинокорон пур шудааст;
зеро ки замин аз боиси лаънат мотам гирифтааст,
ва чарогоҳҳои биёбон хушкидааст;
зеро ки шарорат иштиёқи онҳост,
ва кизб қуввати онҳост.
11 «Зеро ки ҳам набӣ ва ҳам коҳин риёкорӣ мекунанд;
ҳатто дар хонаи Худ шарорати онҳоро ёфтаам,
— мегӯяд Худованд. —+
12 Бинобар ин, роҳашон барои онҳо
мисли ҷойҳои лағжонак дар торикӣ хоҳад буд;
Онҳоро тела хоҳанд дод, ва онҳо дар он ҷо хоҳанд афтод,
зеро ки Ман бар онҳо мусибате дар соли ҷазояшон хоҳам овард+.
13 Ва Ман дар миёни анбиёи Сомария чизҳои ҳеҷу пучро дидаам:
онҳо ба исми Баал нубувват карда, қавми Ман — Исроилро дар иштибоҳ андохтаанд+.
14 Валекин дар миёни анбиёи Ерусалим чизҳои зиштро мебинам:
онҳо ба зино дода мешаванд ва дар кизб роҳ мераванд,
ва дастҳои шариронро тақвият менамоянд,
бе он ки ҳар яке аз шарорати худ баргарданд;
ҳамаи онҳо дар назари Ман мисли Садӯм,
ва сокинони он мисли Амӯро гардидаанд»+.
15 Бинобар ин Худованди лашкарҳо дар бораи анбиё чунин мегӯяд:
«Инак, Ман онҳоро явшон хоҳам хӯронид,
ва онҳоро оби заҳрдор хоҳам нӯшонид,
зеро ки аз анбиёи Ерусалим риё дар тамоми замин паҳн шудааст»+.
16 Худованди лашкарҳо чунин мегӯяд:
«Ба суханони анбиё, ки барои шумо нубувват мекунанд, гӯш надиҳед:
онҳо шуморо дар иштибоҳ андохта, рӯъёи дили худро баён менамоянд,
на он чиро, ки аз даҳони Худо бошад+.
17 Ба бадгӯёни Ман ҳамеша мегӯянд:
„Худованд гуфт, ки барои шумо осоиштагӣ хоҳад буд“.
Ва ба ҳамаи онҳое ки ба саркашии дили худ рафтор мекунанд, мегӯянд:

„Мусибате бар шумо нахоҳад омад“»+.
[18] Зеро, кист, ки дар машварати Худованд истода,
каломи Ӯро дида ва шунида бошад?
Кист, ки ба каломи Ӯ гӯш дода ва сарфаҳм рафта бошад+?
[19] Инак, тундбоде бошиддат вазида, хашми Худованд берун омадааст,
ва тундбод чарх зада,
бар сари шарирон фурӯд хоҳад омад+.
[20] Оташи ғазаби Худованд,
то Ӯ муродоти дили Худро ба амал наоварад ва иҷро накунад, фурӯ нахоҳад нишаст;
дар оянда шумо инро ба хубӣ фаҳм хоҳед кард+.
[21] «Ин анбиёро Ман нафиристодаам, балки худашон давидаанд;
ба онҳо сухане нагуфтаам, балки худашон нубувват кардаанд+.
[22] Ва агар онҳо дар машварати Ман меистоданд,
мебоист суханони Маро ба қавми Ман мефаҳмонданд,
ва онҳоро аз роҳи бадашон
ва аз аъмоли шарироонаашон мегардонданд.
[23] Оё Ман фақат аз наздик Худо ҳастам, — мегӯяд Худованд, —
ва аз дур Худо нестам+?
[24] Агар касе дар ҷои махфие пинҳон шавад,
оё Ман варо намебинам? — мегӯяд Худованд.
Оё Ман замин ва осмонро пур намекунам? — мегӯяд Худованд+.
[25] Он чиро, ки ин анбиё ба исми Ман бардурӯғ нубувват кардаанд, шунидаам;
онҳо мегӯянд: „Хоб дидаам, хоб дидаам“+.

[26] То ба кай ин дар дили анбиёе ки бардурӯғ нубувват мекунанд ва анбиёи фиреби дили худ мебошанд, хоҳад буд,

[27] Ки онҳо ба воситаи хобҳои худ, ки ба ҳамдигар нақл мекунанд, мехоҳанд қавми Маро ба фаромӯш кардани исми Ман оварда расонанд, чунон ки падарони онҳо исми Маро аз барои Баал фаромӯш карданд+?

[28] Набие ки хоб дида бошад, бигзор хобашро нақл кунад, ва касе ки каломи Ман дар ӯст, каломи Маро ба ростӣ баён намояд; коҳро бо гандум чӣ кор аст? — мегӯяд Худованд.

[29] Каломи Ман, охир, мисли оташ аст, — мегӯяд Худованд, — ва мисли болға сахраро пора-пора мекунад.

30 Бинобар ин, инак, Ман, — мегӯяд Худованд, — зидди анбиёе ҳастам, ки суханони Маро аз ҳамдигар медузданд+.

31 Инак, Ман, — мегӯяд Худованд, — зидди анбиёе ҳастам, ки забони худро ба кор андохта, нутқ эрод мекунанд.

32 Инак, Ман, — мегӯяд Худованд, — зидди онҳое ҳастам, ки дар асоси хобҳои дурӯғ нубувват мекунанд, ва он хобҳоро нақл намуда, қавми Маро бо дурӯғгӯиҳо ва бемулоҳизагии худ дар иштибоҳ меандозанд, ва ҳол он ки Ман онҳоро нафиристодаам ва амр нафармудаам, ва онҳо ба ин қавм ҳеҷ манфиате нахоҳанд расонид, — мегӯяд Худованд+.

33 Ва агар ин қавм, ё набӣ, ё коҳин аз ту пурсида, гӯянд: „Бори* Худованд чист?“ — пас ба онҳо бигӯй: „Кадом бор? Ман шуморо тарк хоҳам кард, — мегӯяд Худованд“.

34 Ва ҳар гоҳ набӣ ва коҳин ва қавм бигӯянд: „Бори Худованд“, — Ман он шахс ва хонаи вайро гирифтори ҷазо хоҳам кард.

35 Ҳар яке ба ёри худ ва бародари худ чунин бигӯед: „Худованд чӣ ҷавобе додааст?“ ва „Худованд чӣ гуфтааст?“

36 Валекин „бори Худованд“-ро дигар зикр накунед, зеро ки бор барои кас сухане ки вай мегӯяд, хоҳад буд, ва ҳол он ки шумо суханони Худои Ҳай, Худованди лашкарҳо, Худои моро таҳриф намудаед.

37 Ба набӣ чунин бигӯй: „Худованд ба ту чӣ ҷавобе додааст?“ ва „Худованд чӣ гуфтааст?“

38 Ва агар „бори Худованд“ бигӯед, пас Худованд чунин мегӯяд: азбаски шумо ин суханро, яъне „бори Худованд“-ро гуфтаед, дар сурате ки Ман назди шумо фиристода, фармудаам, ки „бори Худованд“ нагӯед, —

39 Бинобар ин инак, Ман шуморо тамоман фаромӯш хоҳам кард, ва шумо ва он шаҳреро, ки ба шумо ва падаронатон додаам, аз ҳузури Худ рад хоҳам намуд;

40 Ва нанги абадӣ ва хиҷолати абадиро бар шумо хоҳам овард, ки он фаромӯш нахоҳад шуд»+.

## Масал дар бораи анҷирҳои нек ва бад.
## Як қисми Яҳудо аз нав барқарор хоҳад шуд.

**24** [1] Худованд ба ман намоён кард: ва инак, ду сабад анҷир пеши
маъбади Худованд гузошта шудааст, — пас аз он ки
Набукаднесар, подшоҳи Бобил, Еконьё ибни Еҳӯёқим подшоҳи
Яҳудоро бо мирони Яҳудо ва ҳунармандон ва оҳангарон аз Ерусалим
асир карда, ба Бобил бурд+.
[2] Дар як сабад анҷири бағоят нек мисли анҷири пешпазак буд, ва
дар сабади дуюм анҷири бағоят бад буд, ки ба сабаби бадии он
хӯрдан мумкин набуд+.
[3] Ва Худованд ба ман гуфт: «Ту, эй Ирмиё, чӣ мебинӣ?» Ва ман
гуфтам: «Анҷир! Анҷирҳои нек бағоят нек аст, ва анҷирҳои бад
бағоят бад аст, ки ба сабаби бадии он хӯрдан мумкин нест».
[4] Ва каломи Худованд бар ман нозил шуда, гуфт:
[5] «Худованд, Худои Исроил чунин мегӯяд: чунон ки ин анҷирҳо
нек аст, ончунон Ман асирони Яҳудоро, ки аз ин макон ба замини
калдониён фиристодаам, ба некӣ хоҳам шинохт;
[6] Ва бар онҳо ба некӣ назар хоҳам кард, ва онҳоро ба ин замин
хоҳам баргардонид, ва онҳоро бино намуда, хароб нахоҳам кард, ва
мисли ниҳоле шинонида, решакан нахоҳам кард;+
[7] Ва диле ба онҳо хоҳам бахшид, то Маро бишносанд, ки Ман
Худованд ҳастам, ва онҳо қавми Ман хоҳанд буд, ва Ман Худои онҳо
хоҳам буд, зеро ки онҳо бо тамоми дили худ сӯи Ман хоҳанд
баргашт+.
[8] Ва чунон ки анҷирҳои бадро ба сабаби бадии онҳо хӯрдан
мумкин нест, — мегӯяд Худованд, — ончунон Ман Сидқиё подшоҳи
Яҳудо ва мирони ӯ ва бақияи Ерусалимро, ки дар ин замин боқӣ
мондаанд, ва онҳоеро, ки дар замини Миср сокинанд, хоҳам
гардонид;+
[9] Ва онҳоро барои ҳамаи мамлакатҳои замин ба даҳшат ва
мусибат, ва дар ҳамаи маконҳое ки онҳоро ба он ҷо бадар рондаам,
ба нанг ва масал, ба масхара ва лаънат табдил хоҳам дод;+
[10] Ва ба зидди онҳо шамшер, қаҳтӣ ва воборо хоҳам фиристод, то
аз замине ки ба онҳо ва падаронашон додаам, нест шаванд»+.

## Нубувват дар бораи асирии ҳафтодсола.

## Таназзули Бобил.

**25** [1] Каломе ки бар Ирмиё дар бораи тамоми қавми Яҳудо дар
соли чоруми Еҳӯёқим ибни Йӯшиё подшоҳи Яҳудо, ки соли
якуми Набукаднесар подшоҳи Бобил буд, нозил шуд,+
[2] Ки онро Ирмиёи набӣ ба тамоми қавми Яҳудо ва ба ҳамаи
сокинони Ерусалим баён намуда, гуфт:
[3] «Аз соли сездаҳуми Йӯшиё ибни Омӯн подшоҳи Яҳудо ва то
имрӯз, яъне бисту се сол боз, каломи Худованд бар ман нозил мешуд,
ва ман онро ба шумо мегуфтам, ҳар рӯз аз субҳидам сухан мерондам,
валекин шумо нашнидед+.
[4] Ва Худованд ҳамаи бандагони Худ — анбиёро назди шумо
фиристод, ҳар рӯз аз субҳидам мефиристод, вале шумо нашнидед ва
гӯши худро хам накардед, то бишнавед+
[5] Он чиро, ки ба шумо гуфта шуд: „Ҳар яке аз роҳи бади худ ва аз
аъмоли шариронаи худ баргардед, ва ба замине ки Худованд ба шумо
ва падаронатон аз азал то абад додааст, сукунат кунед;+
[6] Ва аз қафои худоёни дигар наравед, то ки ба онҳо ибодат ва саҷда
намоед; ва Маро бо маснӯи дастҳои худ ба ғазаб наоваред, ва Ман ба
шумо осебе нахоҳам расонид“+.
[7] Валекин шумо Маро нашнидед, — мегӯяд Худованд, — балки бо
маснӯи дастҳои худ Маро ба зарари худ ба ғазаб овардед.
[8] Бинобар ин Худованди лашкарҳо чунин мегӯяд: азбаски шумо
суханони Маро нашнидед,
[9] Инак, Ман мефиристам ва ҳамаи қабилаҳои шимолро бо бандаи
Худ Набукаднесар подшоҳи Бобил гирифта, онҳоро бар ин замин ва
бар сокинонаш ва бар ҳамаи халқҳои гирду атрофи он меоварам; ва
онҳоро талаф намуда, даҳшат ва масхара ва харобазори абадӣ
мегардонам+.
[10] Ва аз миёни онҳо садои шодӣ ва садои хурсандӣ, овози домод ва
овози арӯс, садои дастос ва нури чароғро нест мекунам+.
[11] Ва тамоми ин замин вайрона ва биёбон хоҳад шуд; ва ин халқҳо
ҳафтод сол ба подшоҳи Бобил бандагӣ хоҳанд кард+.

[12] Ва воқеъ хоҳад шуд, ки баъд аз гузаштани ҳафтод сол Ман, — мегӯяд Худованд, — подшоҳи Бобил ва он қавм ва замини калдониёнро барои гуноҳашон гирифтори ҷазо хоҳам кард, ва онро биёбони абадӣ хоҳам гардонид.
[13] Ва бар он замин Ман ҳамаи суханони Худро, ки дар бораи он гуфтаам, яъне ҳар чи дар ин китоб навишта шудааст, ки Ирмиё онро дар бораи ҳамаи халқҳо нубувват кардааст, ба амал хоҳам овард,+
[14] Зеро ки онҳоро низ халқҳои бисьёр ва подшоҳони бузург гирифтори асорат хоҳанд кард; ва Ман подоши онҳоро мувофиқи кирдорашон ва бар тибқи амали дастҳошон хоҳам дод»+.

## Масал дар бораи косаи шароби ғазаб.

[15] Зеро ки Худованд, Худои Исроил ба ман чунин гуфт: «Ин косаи шароби ғазабро аз дасти Ман бигир ва онро ба ҳамаи халқҳое ки туро назди онҳо мефиристам, бинӯшон,+
[16] То онҳо нӯшида, аз шамшере ки андаруни онҳо мефиристам, ба изтироб оянд ва девона шаванд»+.
[17] Ва ман косаро аз дасти Худованд гирифтам ва ба ҳамаи халқҳое ки Худованд маро назди онҳо фиристод, нӯшонидам:+
[18] Ба Ерусалим ва шаҳрҳои Яҳудо, ва ба подшоҳонаш ва миронаш, то ки онҳоро вайронаю валангор ва мавриди масхараю лаънат гардонам, чунон ки имрӯз аст;
[19] Ва ба фиръавн подшоҳи Миср ва бандагонаш ва миронаш ва тамоми қавмаш;+
[20] Ва ба тамоми халқи махлут, ва ба ҳамаи подшоҳони замини Ус, ва ба ҳамаи подшоҳони замини Фалиштӣ, ва ба Ашқалӯн ва Ғазза ва Эқрӯн ва бақияи Ашдӯд;+
[21] Ва ба Адӯм ва Мӯоб ва банӣ-Аммӯн;+
[22] Ва ба ҳамаи подшохони Сӯр, ва ба ҳамаи подшоҳони Сидӯн, ва ба ҳамаи подшоҳони ҷазираҳое ки дар он тарафи баҳр воқеанд;+
[23] Ва ба Дадон ва Темо ва Буз, ва ба ҳамаи онҳое ки мӯи чаккаи худро метарошанд;+
[24] Ва ба ҳамаи подшоҳони араб, ва ба ҳамаи подшоҳони халқҳои махлут, ки дар биёбон сокинанд;
[25] Ва ба ҳамаи подшоҳони Зимрӣ, ва ба ҳамаи подшоҳони Элом, ва ба ҳамаи подшоҳони Модай;+

[26] Ва ба ҳамаи подшоҳони шимолии наздик ва дур яке аз паси
дигаре, ва ба ҳамаи мамлакатҳои ҷаҳон, ки бар рӯи замин мебошанд;
ва подшоҳи Шешак баъд аз онҳо хоҳад нӯшид.
[27] Ва ба онҳо бигӯй: «Худованди лашкарҳо, Худои Исроил чунин
мегӯяд: бинӯшед, ва маст шавед ва қай кунед, ва биафтед, ва аз
шамшере ки Ман ба миёни шумо мефиристам, барнахезед»+.
[28] Ва агар онҳо аз гирифтани коса аз дасти ту ва нӯшидани он
шароб рӯй гардонанд, он гоҳ ба онҳо бигӯй: «Худованди лашкарҳо
чунин мегӯяд: ҳатман хоҳед нӯшид!+
[29] Зеро инак, Ман ба овардани мусибат бар шаҳре ки ба исми Ман
номида шудааст, шурӯъ хоҳам кард, ва оё шумо беҷазо хоҳед монд?
Беҷазо нахоҳед монд! Зеро Ман бар ҳамаи сокинони замин
шамшерро хоҳам хонд, — мегӯяд Худованди лашкарҳо»+.
[30] Пас ту дар ҳаққи ҳамаашоно ҳамаи ин суханонро нубувват
намо, ва ба онҳо бигӯй:
«„Худованд аз афроз ғурриш мекунад,
ва аз маскани муқаддаси Худ овози Худро мебарорад;
бар чарогоҳи Худ бошиддат ғурриш мекунад;
мисли онҳое ки ангур пахш мекунанд,
бар ҳамаи сокинони замин бонг мезанад+.
[31] Ғулғулаи он то ақсои замин мерасад,
зеро ки Худованд ба халқҳо даъво дорад:
Ӯ бар ҳар башар доварӣ менамояд,
шариронро ба дами шамшер месупорад, — мегӯяд Худованд“.
[32] Худованди лашкарҳо чунин мегӯяд:
инак, мусибат аз халқе ба халқе мегузарад,
ва тундбоди азиме аз ақсои замин бармехезад+.
[33] Ва дар он рӯз мақтулони Худованд аз як канори замин то
канори дигари замин хоҳанд буд; барои онҳо мотам нахоҳанд
гирифт, ва онҳоро ҷамъ нахоҳанд кард ва дафн нахоҳанд намуд: онҳо
мисли ахлоте бар рӯи замин хоҳанд буд+.
[34] Нола кунед, эй чӯпонон!
Фиғон кашида, бар хокистар ғел занед, эй пешвоёни рама!
Зеро ки айёми қатли шумо расидааст,
ва Ман шуморо шикаста пора-пора хоҳам кард,
ва мисли зарфи гаронбаҳое хоҳед афтод+.

35 Ва паноҳгоҳе барои чӯпонон,
ва наҷоте барои пешвоёни рама нахоҳад буд.
36 Садои фиғони чӯпонон ва нолаи пешвоёни рама
ба гӯш мерасад,
зеро ки Худованд чарогоҳи онҳоро валангор кардааст.
37 Ва иқоматгоҳҳои осоиштагӣ
аз шиддати ғазаби Худованд хароб шудааст.
38 Ӯ мисли шери ҷавон лонаи Худро тарк кардааст;
зеро ки замини онҳо аз хашми ситамгар
ва аз оташи ғазаби Ӯ биёбон гардидааст».

## Ирмиё дар саҳни маъбад ба тавба даъват менамояд.

26 [1] Дар ибтидои подшоҳии Еҳӯёқим ибни Йӯшиё подшоҳи
Яҳудо ин калом аз ҷониби Худованд нозил шуда, гуфт:+
[2] «Худованд чунин мегӯяд: дар саҳни хонаи Худованд биист ва ба
ҳамаи шаҳрҳои Яҳудо, ки ба хонаи Худо барои саҷда кардан меоянд,
ҳамаи суханонеро, ки ба ту амр фармудаам, ки ба онҳо бигӯӣ, бигӯй,
ва калимае кам накун+.
[3] Шояд онҳо бишнаванд ва ҳар яке аз роҳи бади худ баргарданд, ва
он гоҳ Ман мусибатеро, ки мехоҳам бар онҳо барои аъмоли бадашон
биёрам, ботил хоҳам кард+.
[4] Ва ба онҳо бигӯй: „Худованд чунин мегӯяд: агар шумо Маро
нашнавед дар бораи он ки бар тибқи шариати Ман, ки пеши шумо
гузоштаам, рафтор намоед,+
[5] Ва ба суханони бандагони Ман, анбиёе ки назди шумо
мефиристам, гӯш андозед, — ва ҳол он ки ҳар рӯз аз субҳидам онҳоро
мефиристам, вале шумо гӯш наандохтаед, —+
[6] Пас ин хонаро Ман мисли Шилӯ хоҳам гардонид, ва ин шаҳрро
барои ҳамаи халқҳои замин рамзи лаънат хоҳам сохт“».
[7] Ва коҳинон ва анбиё ва тамоми қавм ин суханонро, ки Ирмиё
дар хонаи Худованд гуфт, шуниданд.
[8] Ва чун Ирмиё гуфтани ҳар он чиро, ки Худованд амр фармуда
буд, ки ба тамоми халқ бигӯяд, ба итмом расонид, коҳинон ва анбиё
ва тамоми қавм ӯро дастгир карда, гуфтанд: «Ту бояд бимирӣ!
[9] Чаро ту ба исми Худованд нубувват карда гуфтӣ, ки ин хона
мисли Шилӯ хоҳад шуд, ва ин шаҳр валангор ва ғайримаскун хоҳад
гардид?» Ва тамоми қавм дар хонаи Худованд дар гирди Ирмиё ҷамъ
омаданд.
[10] Ва ҳангоме ки мирони Яҳудо ин чизҳоро шуниданд, аз хонаи
подшоҳ баромада, ба даҳани дарвозаи нави хонаи Худованд
нишастанд+.
[11] Ва коҳинон ва анбиё ба мирон ва тамоми қавм рӯ оварда,
гуфтанд: «Ин шахс сазовори ҳукми қатл аст, зеро ки дар ҳаққи ин
шаҳр нубувват намуд, чунон ки ба гӯшҳои худ шунидед».
[12] Валекин Ирмиё ба ҳамаи мирон ва тамоми қавм хитоб намуда,
гуфт: «Худованд маро фиристодааст, то дар ҳаққи ин хона ва ин шаҳр

ҳамаи суханонеро, ки шунидед, нубувват намоям.
[13] Ва акнун роҳҳои худ ва аъмоли худро ислоҳ намоед ва овози
Худованд Худои худро бишнавед, ва он гоҳ Худованд аз мусибате ки
дар бораи шумо фармудааст, пушаймон хоҳад шуд+.
[14] Дар хусуси ман бошад, инак, ман дар дасти шумо ҳастам: он чи
ба назари шумо дуруст ва ҳаққонӣ намояд, бо ман бикунед+.
[15] Аммо яқинан бидонед, ки агар шумо маро ба қатл расонед, хуни
бегуноҳеро шумо бар худатон ва бар ин шаҳр ва бар сокинони он
хоҳед гузошт, зеро ки ба ростӣ Худованд маро фиристодааст, то ки
ҳамаи ин суханонро ба гӯши шумо баён намоям».
[16] Он гоҳ мирон ва тамоми қавм ба коҳинон ва анбиё гуфтанд: «Ин
шахс сазовори ҳукми қатл нест, зеро ки ба исми Худованд Худои мо
ба мо сухан рондааст».
[17] Ва баъзе аз пирони замин бархостанд ва ба тамоми ҷамъомади
қавм рӯ оварда, гуфтаанд:+
[18] «Михои Мӯраштӣ дар айёми Ҳизқиё подшоҳи Яҳудо нубувват
кард ва ба тамоми қавми Яҳудо хитоб намуда, гуфт:
„Худованди лашкарҳо чунин мегӯяд:
Сион мисли саҳро шудгор карда хоҳад шуд,
ва Ерусалим ба харобазор табдил хоҳад ёфт,
ва кӯҳи хонаи Худованд — ба теппаҳои дарахтзор“+.
[19] Оё Ҳизқиё подшоҳи Яҳудо ва тамоми Яҳудо ӯро қатл карданд?
Не, вай аз Худованд тарсид ва пеши Худованд тазаррӯъ намуд, ва
Худованд аз мусибате ки дар бораи онҳо фармуда буд, пушаймон
шуд; валекин мо мусибати азиме бар ҷонҳои худ меоварем!»+

## Мамоти Уриёи набӣ.

20 Боз Уриё ибни Шамаъё ном шахси дигаре аз Қирьят-Еорим буд,
ки ба исми Худованд нубувват менамуд, ва дар бораи ин шаҳр ва ин
замин айнан мисли суханони Ирмиё нубувват кард+.
21 Ва ҳангоме ки подшоҳ Еҳӯёқим, ва тамоми акобираш, ва ҳамаи
мирон суханони ӯро шуниданд, подшоҳ хост ӯро ба қатл расонад; ва
Уриё инро шунида, тарсид ва гурехта, ба Миср рафт+.
22 Ва подшоҳ Еҳӯёқим ба Миср одам фиристод: Элнотон ибни
Акбӯр ва чанд касро бо вай ба Миср равона кард+.
23 Ва онҳо Уриёро аз Миср бароварданд, ва ӯро назди подшоҳ
Еҳӯёқим оварданд, ва ӯро вай ба дами шамшер қатл кард, ва ҷасади
ӯро дар қабристони мардуми оддӣ партофт.
24 Аммо дасти Аҳиқом ибни Шофон бо Ирмиё буд, то ки ӯро ба
дасти қавм барои куштан насупорад+.

## Масал дар бораи юғ.

**27** 1 Дар ибтидои подшоҳии Еҳӯёқим ибни Йӯшиё подшоҳи Яҳудо ин калом бар Ирмиё аз ҷониби Худованд нозил шуда, гуфт:+

2 Худованд ба ман чунин гуфт: «Бандҳо ва юғҳо барои худ бисоз, ва онҳоро бар гардани худ бимон+.

3 Ва онҳоро назди подшоҳи Адӯм, ва подшоҳи Мӯоб, ва подшоҳи банӣ-Аммӯн, ва подшоҳи Сӯр, ва подшоҳи Сидӯн ба воситаи қосидоне ки ба Ерусалим назди Сидқиё подшоҳи Яҳудо меоянд, бифирист+.

4 Ва ба онҳо амр фармо, ки ба оғоёин худ бигӯянд: „Худованди лашкарҳо, Худои Исроил чунин мегӯяд: ба оғоёни худ чунин бигӯед:

5 Ман замин, одамизод ва чорпоёнеро, ки бар рӯи заминанд, бо қудрати азими Худ ва бозуи тӯлонии Худ ба вуҷуд овардам, ва онро ба касе ки дар назари Ман писанд омад, додам+.

6 Ва алҳол Ман ҳамаи ин заминҳоро ба дасти бандаи Худ Набукаднесар подшоҳи Бобил супурдам; ва ҳайвоноти саҳроро низ ба ӯ додам, то ки хизмати ӯро ба ҷо оваранд+.

7 Ва ҳамаи халқҳо ба ӯ, ва ба писараш, ва ба писари писараш хизмат хоҳанд кард, то замоне ки навбати замини ӯ низ бирасад, ва он гоҳ халқҳои бисьёр ва подшоҳони бузург ӯро бандаи худ хоҳанд гардонид+.

8 Ва агар халқе ва мамлакате ба ӯ, яъне ба Набукаднесар подшоҳи Бобил хизмат кардан нахоҳанд, ва гардани худро зери юғи подшоҳи Бобил хам накунанд, Ман, — мегӯяд Худованд, — он халқро бо шамшер, қаҳтӣ ва вабо ҷазо хоҳам дод, то онҳоро бо дасти ӯ талаф намоям+.

9 Ва шумо ба анбиёи худ, ва ба соҳирони худ, ва ба хобгузорони худ, ва ба фолбинони худ, ва ба ҷодугарони худ, ки ба шумо мегӯянд: «Ба подшоҳи Бобил хизмат нахоҳед кард», — гӯш надиҳед,+

10 Зеро онҳо ба шумо бардурӯғ нубувват мекунанд, то ки шуморо аз заминатон дур созанд, ва Ман шуморо бадар ронам, ва шумо талаф шавед+.

11 Валекин халқе ки гардани худро зери юғи подшоҳи Бобил хам карда, ба ӯ хизмат мекунанд, Ман, — мегӯяд Худованд, — онҳоро бар

заминашон хоҳам гузошт, ва онҳо онро киштукор хоҳанд кард ва дар
он сокин хоҳанд шуд“».
12 Ва ба Сидқиё подшоҳи Яҳудо ман ҳамаи ин суханонро ба забон
оварда, гуфтам: «Гардани худро зери юғи подшоҳи Бобил хам кунед,
ва ба ӯ ва қавми ӯ хизмат кунед, — ва зинда хоҳед монд+.
13 Чаро ту ва қавми ту аз шамшер, қаҳтӣ ва вабо бимиред, чунон
ки Худованд дар бораи халқе ки ба подшоҳи Бобил хизмат нахоҳанд
кард, гуфтааст+?
14 Ва ба суханони анбиёе ки ба шумо мегӯянд: „Ба подшоҳи Бобил
хизмат нахоҳед кард“, гӯш надиҳед, чунки онҳо ба шумо бардурӯғ
нубувват мекунанд.
15 Зеро Ман онҳоро нафиристодаам, — мегӯяд Худованд, — балки
онҳо ба исми Ман бардурӯғ нубувват мекунанд, то ки Ман шуморо
бадар ронам, ва шумо талаф шавед, — шумо ва анбиёе ки ба шумо
нубувват мекунанд».
16 Ва ба коҳинон ва тамоми ин қавм ман рӯ оварда, гуфтам:
«Худованд чунин мегӯяд: ба суханони анбиёи худ, ки ба шумо
нубувват карда, мегӯянд: „Инак, зарфҳои хонаи Худованд акнун ба
зудӣ аз Бобил баргардонида хоҳад шуд“, гӯш надиҳед, зеро ки онҳо
ба шумо бардурӯғ нубувват мекунанд+.
17 Ба онҳо гӯш надиҳед, ба подшоҳи Бобил хизмат кунед ва зинда
монед; чаро ин шаҳр харобазор шавад?
18 Ва агар онҳо анбиё бошанд, ва агар каломи Худованд бо онҳо
бошад, бигзор пеши Худованди лашкарҳо шафоат намоянд, ки
зарфҳое ки дар хонаи Худованд, ва дар хонаи подшоҳи Яҳудо, ва дар
Ерусалим боқӣ мондааст, ба Бобил бурда нашавад.
19 Зеро ки Худованди лашкарҳо чунин мегӯяд дар бораи сутунҳо
ва обанбор ва пояҳо ва дигар зарфҳое ки дар ин шаҳр боқӣ
мондааст,+
20 Ки онҳоро Набукаднесар подшоҳи Бобил нагирифтааст, ҳангоме
ки Еконьё ибни Еҳӯёқим подшоҳи Яҳудо ва ҳамаи мирони Яҳудо ва
Ерусалимро аз Ерусалим ба Бобил ба асирӣ бурдааст, —
21 Зеро ки Худованди лашкарҳо, Худои Исроил дар бораи зарфҳое
ки дар хонаи Худованд ва дар хонаи подшоҳи Яҳудо ва дар Ерусалим
боқӣ мондааст, чунин мегӯяд:

22 Онҳо ба Бобил бурда хоҳад шуд ва то рӯзе ки Ман онҳоро
тафаққуд намоям, дар он ҷо хоҳад монд, — мегӯяд Худованд; — ва он
гоҳ онҳоро берун оварда, ба ин макон хоҳам баргардонид»+.

## Давоми масал дар бораи юғ.

## Нубуввати дурӯғи Ҳананьё ва мамоти ӯ.

**28** 1 Ва дар ҳамон сол, — дар ибтидои подшоҳии Сидқиё
подшоҳи Яҳудо, дар соли чорум, дар моҳи панҷум, — Ҳананьё
ибни Азури набӣ, ки аз Ҷибъӯн буд, дар хонаи Худованд, дар пеши
назари коҳинон ва тамоми қавм ба ман рӯ оварда, гуфт:+
2 «Худованди лашкарҳо, Худои Исроил чунин мегӯяд: юғи
подшоҳи Бобилро дарҳам хоҳам шикаст:+
3 Баъд аз ду сол Ман ҳамаи зарфҳои хонаи Худовандро, ки
Набукаднесар подшоҳи Бобил аз ин макон гирифта ба Бобил бурд, ба
ин макон хоҳам баргардонид+.
4 Ва Еконьё ибни Еҳӯёқим подшоҳи Яҳудо ва ҳамаи асирони
Яҳудоро, ки ба Бобил рафтаанд, Ман ба ин макон хоҳам баргардонид,
— мегӯяд Худованд, — зеро ки юғи подшоҳи Бобилро дарҳам хоҳам
шикаст».
5 Ва Ирмиёи набӣ ба Ҳананьёи набӣ дар пеши назари коҳинон ва
дар пеши назари тамоми қавме ки дар хонаи Худованд истода
буданд, гуфт —
6 Ва Ирмиёи набӣ гуфт: «Омин! Бигзор Худованд чунин бикунад!
Бигзор Худованд суханони туро, ки бо онҳо нубуввват кардӣ, ба амал
оварда, зарфҳои хонаи Худованд ва ҳамаи асиронро аз Бобил ба ин
макон баргардонад!
7 Аммо ин каломро, ки ман ба гӯши ту ва гӯши тамоми қавм
мегӯям, бишнав:
8 Анбиёе ки аз қадимулайём, пеш аз ман ва пеш аз ту буданд,
барои заминҳои бисьёр ва мамлакатҳои бузург ҷанг ва мусибат ва
вaборо нубувват кардаанд.
9 Аммо набие ки осоиштагиро нубувват мекунад, фақат баъд аз он
ки каломи ин набӣ ба амал ояд, ӯ ҳамчун набие шинохта хоҳад шуд,
ки ӯро ҳақиқатан Худованд фиристодааст»+.
10 Он гоҳ Ҳананьёи набӣ юғро аз гардани Ирмиёи набӣ гирифт, ва
онро дарҳам шикаст+.
11 Ва Ҳананьё дар пеши назари тамоми қавм хитоб намуда, гуфт:
«Худованд чунин мегӯяд: юғи Набукаднесар подшоҳи Бобилро баъд

аз ду сол аз гардани ҳамаи халқҳо ҳамин тавр дарҳам хоҳам шикаст».
Ва Ирмиё ба роҳи худ рафт.
[12] Ва баъд аз он ки Ҳананьёи набӣ юғро аз гардани Ирмиёи набӣ
гирифта дарҳам шикаст, каломи Худованд бар Ирмиё нозил шуда,
гуфт:
[13] «Бирав ва ба Ҳананьё бигӯй: „Худованд чунин мегӯяд: юғҳои
чӯбинро шикастӣ, вале ба ҷои онҳо юғҳои оҳанин хоҳӣ сохт.
[14] Зеро ки Худованди лашкарҳо, Худои Исроил чунин мегӯяд: Ман
юғи оҳанин бар гардани ҳамаи ин халқҳо гузоштам, то ки ба
Набукаднесар подшоҳи Бобил хизмат кунанд, ва онҳо хизмат хоҳанд
кард; ва ҳайвоноти саҳроро низ ба ӯ додам“»+.
[15] Ва Ирмиёи набӣ ба Ҳананьёи набӣ гуфт: «Бишнав, эй Ҳананьё!
Худованд туро нафиристодааст, ва ту қавмро бардурӯғ умедвор
мекунӣ+.
[16] Бинобар ин Худованд чунин мегӯяд: „Инак, Ман туро аз рӯи
замин дур меандозам! Имсол ту хоҳӣ мурд, зеро ки бар хилофи
Худованд сухан рондаӣ“».
[17] Ва Ҳананьёи набӣ ҳамон сол, дар моҳи ҳафтум мурд.

## Номаи Ирмиё ба бародароне ки дар асирии Бобил буданд.

29 [1] Ва ин аст суханони номае ки Ирмиёи набӣ аз Ерусалим ба
бақияи пирони асирон, ва ба коҳинон ва анбиё ва тамоми қавме
ки Набукаднесар аз Ерусалим ба Бобил ба асирӣ бурда буд, фиристод,
—+
[2] Баъд аз он ки подшоҳ Еконьё ва малика ва хоҷасароён, мирони
Яҳудо ва Ерусалим, ва ҳунармандон ва оҳангарон аз Ерусалим берун
омаданд, —+
[3] Ба воситаи Элъосо ибни Шофон ва Ҷамарьё ибни Ҳилқиё, ки
онҳоро Сидқиё подшоҳи Яҳудо назди Набукаднесар подшоҳи Бобил
ба Бобил фиристода буд:
[4] «Худованди лашкарҳо, Худои Исроил ба ҳамаи асироне ки Ман
аз Ерусалим ба Бобил ба асирӣ фиристодам, чунин мегӯяд:
[5] Хонаҳо бино карда, дар онҳо сокин шавед, ва боғҳо парвариш
намуда, меваи онҳоро бихӯред.
[6] Занон гирифта, писарон ва духтарон ба дунё оваред, ва занон
барои писарони худ бигиред, ва духтарони худро ба шавҳар бидиҳед,
то ки писарон ва духтарон ба дунё оваранд; ва дар он ҷо биафзоед ва
кам нашавед.
[7] Ва осоиштагии он шаҳрро, ки Ман шуморо ба он ҷо ба асирӣ
фиристодаам, биталабед, ва барои он пеши Худованд дуо гӯед, зеро
ки дар осоиштагии он барои шумо осоиштагӣ хоҳад буд+.
[8] Зеро ки Худованди лашкарҳо, Худои Исроил чунин мегӯяд:
бигзор анбиёи шумо, ки дар миёни шумо ҳастанд, ва соҳирони шумо
шуморо фирефта накунанд, ва ба хобгузорони худ, ки ба дилхоҳи
шумо хоб диданашонро мехоҳед, гӯш надиҳед,+
[9] Чунки онҳо барои шумо бардурӯғ ба исми Ман нубувват
мекунанд, дар сурате ки Ман онҳоро нафиристодаам, — мегӯяд
Худованд+.
[10] Зеро ки Худованд чунин мегӯяд: вақте ки ба Бобил ҳафтод сол
пур шавад, Ман шуморо тафаққуд хоҳам кард, ва каломи неки Худро
дар ҳаққи шумо ба амал хоҳам овард, то ки шуморо ба ин макон
баргардонам+.
[11] Зеро фикрҳоеро, ки Ман дар бораи шумо дорам, Ман медонам, —
мегӯяд Худованд, — фикрҳое ки ба осоиштагӣ оид аст, на ба бадӣ, то

ки ба шумо ояндаи нек ва умедворӣ бибахшам.
12 Ва шумо Маро хоҳед хонд, ва омада пеши Ман дуо хоҳед гуфт, ва
Ман шуморо иҷобат хоҳам намуд+.
13 Ва Маро хоҳед ҷуст, ва пайдо хоҳед кард, ба шарте ки бо тамоми
дили худ Маро ҷустуҷӯ намоед+.
14 Ва Ман барои шумо ёфт хоҳам шуд, — мегӯяд Худованд, — ва
шуморо аз асирӣ хоҳам баргардонид, ва шуморо аз миёни ҳамаи
халқҳо ва аз ҳамаи маконҳое ки шуморо ба он ҷо бадар рондаам,
ҷамъ хоҳам кард, — мегӯяд Худованд, — ва шуморо ба маконе ки аз
он ҷо шуморо ба асирӣ фиристодаам, хоҳам баргардонид+.
15 Шумо мегӯед: „Худованд барои мо дар Бобил анбиё ба майдон
овардааст“.
16 Худованд дар бораи подшоҳе ки бар тахти Довуд нишастааст, ва
дар бораи тамоми қавме ки дар ин шаҳр сокинанд, яъне дар бораи
бародарони шумо, ки ҳамроҳи шумо ба асирӣ бурда нашудаанд,
чунин мегӯяд, —+
17 Оре, Худованди лашкарҳо чунин мегӯяд: инак, Ман бар онҳо
шамшер ва қаҳтӣ ва вабо мефиристам, ва онҳоро мисли анҷирҳои
баде ки ба сабаби бадии онҳо хӯрдан мумкин нест, мегардонам;
18 Ва онҳоро бо шамшер, қаҳтӣ ва вабо таъқиб хоҳам намуд, ва
онҳоро барои ҳамаи мамлакатҳои замин ба даҳшат, ва дар миёни
ҳамаи халқҳое ки онҳоро ба он ҷо бадар рондаам, ба лаънат ва
воҳима ва масхара ва нанг табдил хоҳам дод, —+
19 Чунки онҳо суханони Маро нашниданд, — мегӯяд Худованд, —
вақте ки бандагони Худ — анбиёро назди онҳо фиристодам, — ҳар
рӯз аз субҳидам фиристодам, вале шумо нашнидед, — мегӯяд
Худованд+.
20 Ва шумо, эй ҳамаи асироне ки аз Ерусалим ба Бобил
фиристодаам, каломи Худовандро бишнавед!
21 Худованди лашкарҳо, Худои Исроил дар бораи Аҳъоб ибни
Қӯлоё ва дар бораи Сидқиё ибни Маасиё, ки ба исми Ман ба шумо
бардурӯғ нубувват мекунанд, чунин мегӯяд: инак, Ман онҳоро ба
дасти Набукаднесар подшоҳи Бобил хоҳам супурд, ва ӯ онҳоро дар
пеши назари шумо хоҳад кушт+.
22 Ва номи онҳоро ҳамаи асирони Яҳудо, ки дар Бобил мебошанд,
барои лаънат ба забон гирифта, хоҳанд гуфт: „Худованд туро мисли

Сидқиё ва Аҳъоб гардонад, ки подшоҳи Бобил онҳоро дар оташ
бирьён карда буд“+.
23 Чунки онҳо дар Исроил кори зиште карданд: бо занони ёрони
худ зино карданд ва ба исми Ман сухани дурӯғ гуфтанд, ки онро Ман
ба онҳо амр нафармудаам; ва Ман аз ин вуқуф дорам ва шоҳид
ҳастам, — мегӯяд Худованд+.
24 Ва ба Шамаъёи Неҳеломӣ бигӯй:+
25 Худованди лашкарҳо, Худои Исроил чунин мегӯяд: азбаски ту аз
номи худ ба тамоми қавме ки дар Ерусалим мебошанд, ва ба Сафаньё
ибни Маасиёи коҳин, ва ба ҳамаи коҳинон номаҳо фиристода,
гуфтаӣ:
26 „Худованд туро ба ҷои Еҳӯёдои коҳин ба коҳинӣ гузоштааст, то
ғамхорӣ намоӣ дар бораи он ки дар хонаи Худованд бар ҳар шахси
маҷнун ва нубувваткунанда нозирон бошанд, ва ту варо дар
шиканҷагоҳ ва дар ишкел андозӣ;+
27 Пас чаро ту бар Ирмиёи Анотӯтӣ, ки назди шумо худро набӣ
вонамуд мекунад, итоб нанамудаӣ?
28 Зеро ки ӯ назди мо низ ба Бобил фиристода, гуфтааст: асирӣ
муддати дуру дароз давом хоҳад кард; хонаҳо бино карда, дар онҳо
сокин шавед, ва боғҳо парвариш намуда, меваи онҳоро бихӯред“».
29 Ва Сафаньёи коҳин ин номаро ба гӯши Ирмиёи набӣ хонд.
30 Ва каломи Худованд бар Ирмиё нозил шуда, гуфт:
31 «Назди ҳамаи асирон фиристода, бигӯй: „Худованд дар бораи
Шамаъёи Неҳеломӣ чунин мегӯяд: азбаски Шамаъё ба шумо
нубувват мекунад, ва ҳол он ки Ман ӯро нафиристодаам, ва ӯ шуморо
бардурӯғ умедвор менамояд, —+
32 Бинобар ин Худованд чунин мегӯяд: инак, Ман Шамаъёи
Неҳеломӣ ва насли ӯро ҷазо хоҳам дод: ӯро касе нахоҳад буд, ки дар
миёни ин қавм сокин бошад, ва он некиро, ки Ман барои қавми Худ
мекунам, ӯ нахоҳад дид, — мегӯяд Худованд, — зеро ки ӯ бар хилофи
Худованд сухан рондааст“».

## Пешгӯӣ дар бораи халосӣ ёфтани Исроил ва Яҳудо.

30 [1] Каломе ки бар Ирмиё аз ҷониби Худованд нозил шуда, гуфт:
[2] «Худованд, Худои Исроил сухан ронда, чунин мегӯяд: ҳамаи суханонеро, ки Ман ба ту гуфтаам, барои худ дар тӯмори китобат бинавис+.
[3] Зеро инак, айёме фаро мерасад, — мегӯяд Худованд, — ки Ман қавми Худ — Исроил ва Яҳудоро аз асирӣ хоҳам баргардонид, — мегӯяд Худованд, — ва онҳоро ба замине ки ба падаронашон додаам, хоҳам баргардонид, ва онҳо онро тасарруф хоҳанд кард»+.
[4] Ва ин аст суханоне ки Худованд дар бораи Исроил ва Яҳудо гуфтааст:
[5] «Худованд чунин мегӯяд: садои хавотирноке шунидем:
тарсу ҳарос аст, ва осоиштагӣ нест.
[6] Бипурсед ва бубинед, ки оё мард мезояд?
Пас чаро ҳар мардро мебинам,
ки мисли зани зоянда дастҳояш бар камараш мебошад,
ва ҳамаи чеҳраҳо кабуд шудааст+?
[7] Оҳ, чӣ гуна азим аст он рӯз, ки мисл надорад!
Ва ин барои Яъқуб замони тангист,
вале аз он ӯ наҷот хоҳад ёфт+.
[8] Ва дар он рӯз воқеъ хоҳад шуд, ки Ман, — мегӯяд Худованди лашкарҳо, — юғи варо, ки бар гардани туст, дарҳам хоҳам шикаст, ва бандҳои туро хоҳам барканд; ва дигар ба аҷнабиён хизмат нахоҳанд кард,+
[9] Балки ба Худованд Худои худ ва ба Довуд подшоҳи худ, ки барои онҳо аз нав барқарор хоҳам намуд, хизмат хоҳанд кард+.
[10] Вале ту, эй бандаи Ман Яъқуб, натарс, — мегӯяд Худованд, —
ва эй Исроил, ҳаросон нашав,
зеро инак, Ман туро аз ҷои дурдаст,
ва насли туро аз замини асирии онҳо наҷот хоҳам дод;
ва Яъқуб баргашта, дар амният ва осоиштагӣ хоҳад зист,
ва касе ӯро нахоҳад тарсонид+.
[11] Зеро Ман бо ту ҳастам, — мегӯяд Худованд, —
то ки туро наҷот диҳам;

зеро Ман ҳамаи халқҳоеро, ки дар миёнашон туро пароканда
намудаам,
талаф хоҳам кард, аммо туро талаф нахоҳам кард,
балки туро аз рӯи инсоф ҷазо хоҳам дод,
вале туро тамоман беҷазо нахоҳам мононд+.
12 Зеро ки Худованд чунин мегӯяд:
шикасти ту беилоҷ аст, зарбаи ту ҳалокатовар аст+.
13 Касе нест, ки даъвои туро муҳокима намояд,
то туро шифо диҳад;
давоҳои шифобахш барои ту нест.
14 Ҳамаи дӯстдоронат туро фаромӯш кардаанд, аҳволатро
намепурсанд, зеро ки Ман туро зарбаи душманона
ва танбеҳи бераҳмона барои бисьёрии маъсияти ту додаам,
барои он ки гуноҳҳои ту афзудааст.
15 Чаро ту дар бораи шикасти худ,
дар бораи дарди бедавои худ фиғон мекашӣ?
Барои бисьёрии маъсияти ту,
барои он ки гуноҳҳои ту афзудааст,
Ман ин корҳоро ба ту кардаам.
16 Бинобар ин ҳамаи онҳое ки туро мехӯранд, хӯрда хоҳанд шуд,
ва ҳамаи бадхоҳони ту саросар ба асирӣ хоҳанд рафт,
ва онҳое ки туро яғмо мекунанд, яғмо хоҳанд шуд,
ва ҳамаи тороҷкунандагонатро гирифтори тороҷ хоҳам кард,+
17 Зеро туро даво хоҳам кард,
ва ҷароҳатҳои туро шифо хоҳам дод, — мегӯяд Худованд, —
чунки туро мардуд номида, мегуфтанд:
„Ин Сион аст, ки касе аҳволашро намепурсад“+.
18 Худованд чунин мегӯяд:
инак, Ман асирони Яъқубро ба хаймаҳошон хоҳам баргардонид,
ва ба масканҳои ӯ раҳм хоҳам кард,
ва шаҳр бар теппаи худ бино ёфта,
маъбад дар макони худ барпо хоҳад шуд.
19 Ва шукргузорӣ ва овози шодкомон аз онҳо берун хоҳад омад;
ва онҳоро афзун хоҳам кард, ва кам нахоҳанд шуд,
ва онҳоро ҷалол хоҳам дод, ва беқадр нахоҳанд шуд+.
20 Ва писарони ӯ мисли пештара хоҳанд буд,

ва ҷамоати ӯ дар ҳузури Ман поянда хоҳанд шуд,
ва Ман ҳамаи ҷабрпешаҳои ӯро ҷазо хоҳам дод.
21 Ва сарвари ӯ аз худи ӯ хоҳад буд,
ва ҳокими ӯ аз даруни ӯ хоҳад баромад,
ва Ман варо муқарраби Худ хоҳам гардонид,
то ки вай ба Ман наздик ояд,
зеро кист, ки ҷуръат намуда, ба Ман наздик ояд? — мегӯяд Худованд.
22 Ва шумо қавми Ман хоҳед буд,
ва Ман Худои шумо хоҳам буд»+.
23 Инак, тундбоде бошиддат вазида,
хашми Худованд берун омадааст,
ва тундбод талотум намуда,
бар сари шарирон фурӯд хоҳад омад+.
24 Оташи ғазаби Худованд,
то Ӯ муродоти дили Худро ба амал наоварад
ва иҷро накунад, фурӯ нахоҳад нишаст;
дар оянда шумо инро фаҳм хоҳед кард+.

## Пешгӯӣ дар бораи наҷоти ояндаи Исроил ва Яҳудо ва дар бораи Аҳди Ҷадид.

31 [1] «Дар он замон — мегӯяд Худованд, — Ман Худои ҳамаи қабилаҳои Исроил хоҳам буд, ва онҳо қавми Ман хоҳанд буд».

[2] Худованд чунин мегӯяд:
«Қавме ки аз шамшер саломат монданд,
дар биёбон лутф пайдо карданд;
биравам, то Исроилро ором намоям.
[3] Аз дурдаст Худованд ба ман зоҳир шуд:
бо муҳаббати абадӣ туро дӯст доштам,
бинобар ин туро бо марҳамат ба Худ ҷалб намудам+.
[4] Боз туро, эй бокираи Исроил,
бино хоҳам кард, ва ту бино хоҳӣ ёфт;
боз бо дафҳои худ зинат ёфта,
бо дастаи раққосони шодком берун хоҳӣ омад;+
[5] Боз бар кӯҳҳои Сомария токҳо хоҳӣ шинонд;
токдорон ток шинонда, худашон меваи онро хоҳанд хӯрд+.
[6] Зеро рӯзе фаро хоҳад расид, ки дидбонон бар кӯҳи Эфроим нидо хоҳанд кард:
„Бархезед ва назди Худованд Худои худ ба Сион бароем!“»+

[7] Зеро Худованд чунин мегӯяд:
«Барои Яъқуб бо шодмонӣ тараннум намоед,
ва дар сари халқҳо ба ваҷд оед;
нидо карда ва ҳамду сано хонда, бигӯед:
„Қавми Худоро, эй Худованд, бақияи Исроилро наҷот деҳ!“
[8] Инак, Ман онҳоро аз замини шимолӣ хоҳам овард,
ва онҳоро аз ақсои замин ҷамъ хоҳам кард;
дар миёни онҳо кӯр ва ланг,
зани ҳомиладор ва зоянда бо ҳам хоҳанд буд;
анбӯҳи бузурге ба ин ҷо хоҳанд баргашт+.
[9] Онҳо бо гирья хоҳанд омад,
ва Ман онҳоро бо марҳамат хоҳам бурд;
онҳоро сӯи ҷӯйҳои об бо роҳи рост хоҳам бурд,
ки дар он пешпо нахоҳанд хӯрд;
зеро ки Ман падари Исроил ҳастам,

ва Эфроим нахустзодаи Ман аст+.
10 Каломи Худовандро бишнавед, эй халқҳо,
ва ба ҷазираҳои дурдаст эълон намоед, ва бигӯед:
„Ӯ, ки Исроилро пароканда намуд, ӯро ҷамъ хоҳад овард,
ва ӯро нигоҳдорӣ хоҳад кард, чунон ки чӯпон рамаи худро
нигоҳдорӣ мекунад“+.
11 Зеро Худованд барои Яъқуб фидия хоҳад дод,
ва ӯро аз дасти касе ки аз ӯ пурзӯртар аст,
раҳо хоҳад кард+.
12 Ва онҳо омада, бар баландии Сион тараннум хоҳанд кард;
ва сӯи неъмати Худованд:
сӯи гандум ва шароб ва равғани зайтун,
ва сӯи барраҳо ва гӯсолаҳо равон хоҳанд шуд;
ва ҷони онҳо мисли боғи сероб хоҳад буд,
ва онҳо дигар ғамгин нахоҳанд шуд+.
13 Он гоҳ бокира дар дастаи раққосон шодӣ хоҳад кард,
ва ҷавонон ва пирон — бо якҷоягӣ;
ва Ман мотами онҳоро ба шодмонӣ табдил хоҳам дод,
ва онҳоро аз кулфате ки кашидаанд, тасаллӣ дода,
шод хоҳам гардонид+.
14 Ва ҷони коҳинонро аз чарбу ба фаровонӣ ғизо хоҳам дод,
ва қавми Ман аз неъмати Ман сер хоҳанд шуд», — мегӯяд Худованд.
15 Худованд чунин мегӯяд:
«Овозе дар Ромо шунида шуд,
садои нола ва гирьяи талх:
Роҳел барои фарзандони худ гирья мекунад;
барои фарзандони худ наметавонад тасаллӣ ёбад,
зеро ки онҳо нестанд»+.
16 Худованд чунин мегӯяд:
«Овози худро аз навҳа,
ва чашмони худро аз ашк нигоҳ дор,
зеро ки барои заҳмати худ подош хоҳӣ гирифт, — мегӯяд Худованд,
—
ва онҳо аз замини душман хоҳанд баргашт.
17 Ва барои оянди ту умеде ҳаст, — мегӯяд Худованд, —
ва фарзандонат ба ҳудуди худ хоҳанд баргашт.

18 Овози Эфроимро шунидам, ки дар мотами худ сар ҷунбонда,
мегуфт:
„Ту маро ҷазо додӣ, ва ман мисли гӯсолаи ноозмуда ҷазо дидам;
маро баргардон, ва ман хоҳам баргашт,
зеро ки Ту Худованд Худои ман ҳастӣ;+
19 Зеро, баъд аз он ки баргаштам, пушаймон шудам,
ва баъд аз он ки фаҳм кардам, бар рони худ задам;
хиҷил шудам, ва нангам низ омад,
зеро ки расвоии ҷавонии худро бардошта мегаштам“.
20 Оё Эфроим писари азизи Ман аст?
Оё ӯ валади сурурангез аст?
Зеро, ҳар бор, ки дар бораи ӯ сухан меронам,
ӯро бисьёр ёд мекунам;
бинобар ин ба ӯ дилам месӯзад,
ба ҳар ҳол ба ӯ раҳм хоҳам кард», — мегӯяд Худованд+.
21 Нишонаҳо барои худ бимон, сутунҳо барои худ барпо бикун,
ба ҷодда ва роҳе ки рафтаӣ, диққат намо;
баргард, эй бокираи Исроил, ба ин шаҳрҳои худ баргард!
22 То ба кай рӯ хоҳӣ тофт, эй духтари муртад?
Зеро Худованд бар замин таомули наве офаридааст:
зан гирди мард хоҳад гашт+.

23 Худованди лашкарҳо, Худои Исроил чунин мегӯяд: «Боз дар замини Яҳудо ва шаҳрҳояш, вақте ки асирони онҳоро баргардонам, ин каломро хоҳанд гуфт:
„Эй маскани адолат ва эй кӯҳи муқаддас,
Худованд туро муборак созад!“+

24 Ва Яҳудо бо якҷоягии ҳамаи шаҳрҳояш, зироаткорон ва онҳое ки бо рама мегарданд, дар он сокин хоҳанд шуд.

25 Зеро ки Ман ҷони ташнаро хоҳам нӯшонид, ва ҳар ҷони ғамгинро сер хоҳам кард».

26 Дар айни ҳол ман бедор шудам ва ба гирду пешам назар андохтам, ва хобам барои ман хуш буд.

27 «Инак, айёме фаро мерасад, — мегӯяд Худованд, — ки Ман хонадони Исроил ва хонадони Яҳудоро бо тухми одам ва тухми чорпоён кишт хоҳам кард+.

[28] Ва воқеъ хоҳад шуд: чунон ки Ман бар онҳо барои аз беху бор
кандан, ва вожгун сохтан, ва хароб кардан, ва барҳам задан, ва осеб
расондан диққат намудаам, ончунон бар онҳо барои бино кардан ва
ниҳол шинондан диққат хоҳам намуд, — мегӯяд Худованд+.
[29] Дар он рӯзҳо дигар нахоҳанд гуфт:
„Падарон ғӯра хӯрданд, ва дандони писарон кунд шуд“,+
[30] Балки ҳар кас ба гуноҳи худ хоҳад мурд: ҳар одаме ки ғӯра
хӯрад, дандонаш кунд хоҳад шуд+.
[31] Инак, айёме фаро мерасад, — мегӯяд Худованд, — ки Ман бо
хонадони Исроил ва бо хонадони Яҳудо аҳди нав хоҳам баст, —+
[32] На мисли он аҳде ки бо падарони онҳо бастам, дар рӯзе ки
дасташонро гирифтам, то ки онҳоро аз замини Миср берун оварам;
онҳо он аҳди Маро поймол карданд, гарчанде ки Ман оғои онҳо
будам, — мегӯяд Худованд+.
[33] Чунин аҳде Ман бо хонадони Исроил баъд аз он айём хоҳам
баст, — мегӯяд Худованд: — шариати Худро дар ботини онҳо ҷойгир
хоҳам кард, ва онро бар дили онҳо хоҳам навишт, ва Ман Худои онҳо
хоҳам буд, ва онҳо қавми ман хоҳанд буд,+
[34] Ва касе ба ёри худ ва касе ба бародари худ дигар таълим дода
нахоҳад гуфт: „Худовандро бишносед“, зеро ки ҳамаашон, аз хурд то
калон, Маро хоҳанд шинохт, — мегӯяд Худованд, — чунки Ман
маъсияти онҳоро хоҳам омурзид ва гуноҳи онҳоро дигар ба ёд
нахоҳам овард»+.
[35] Чунин мегӯяд Худованде ки офтобро барои рӯшноии рӯз,
ва қонунҳои моҳ ва ситорагонро барои рӯшноии шаб додааст,
ва баҳрро тавре ба шӯр меоварад, ки мавҷҳояш хурӯш бардорад;
исми Ӯ Худованди лашкарҳост+.
[36] «Агар ин қонунҳо аз ҳузури Ман барҳам хӯрад, — мегӯяд Худованд,
—
он гоҳ насли Исроил низ дигар дар ҳузури Ман
ба таври доимӣ халқ нахоҳанд буд»+.
[37] Худованд чунин мегӯяд:
«Агар дар боло чен кардани осмон
ва дар поён тадқиқ намудани асосҳои замин имконпазир бошад,
он гоҳ Ман низ аз тамоми насли Исроил аз боиси ҳар он чи онҳо
карданд,

безор хоҳам шуд», — мегӯяд Худованд+.
[38] «Инак, айёме фаро мерасад, — мегӯяд Худованд, — ки ин шаҳр,
аз бурҷи Ҳананъил то дарвозаи кунҷакӣ барои Худованд бино хоҳад
ёфт+.
[39] Ва боз ресмони андоза дар рӯ ба рӯи он то теппаи Ҷореб берун
рафта, сӯи Ҷӯот давр хоҳад зад.
[40] Ва тамоми водии лошаҳо ва хокистар, ва тамоми саҳро то наҳри
Қидрӯн, то гӯшаи дарвозаи аспон ба тарафи шарқ, барои Худованд
муқаддас хоҳад буд; дигар ҳаргиз решакан ва хароб нахоҳад шуд»+.

## Ирмиё киштзореро ҳамчун аломати баргаштани асирон мехарад.

32 [1] Каломе ки бар Ирмиё аз ҷониби Худованд дар соли даҳуми
Сидқиё подшоҳи Яҳудо нозил шуд, ки ин сол соли ҳаждаҳуми
Набукаднесар буд+.
[2] Ва он вақт лашкари подшоҳи Бобил Ерусалимро муҳосира карда
буд, ва Ирмиёи набӣ дар саҳни посгоҳи назди хонаи подшоҳи Яҳудо
маҳбус буд,+
[3] Ки ӯро Сидқиё подшоҳи Яҳудо дар он ҷо ҳабс карда, гуфта буд:
«Чаро ту нубувват карда, мегӯӣ: „Худованд чунин мегӯяд: инак, Ман
ин шаҳрро ба дасти подшоҳи Бобил хоҳам супурд, ва ӯ онро мусаххар
хоҳад кард;
[4] Ва Сидқиё подшоҳи Яҳудо аз дасти калдониён раҳо нахоҳад шуд,
зеро ки ӯ ҳатман ба дасти подшоҳи Бобил супурда хоҳад шуд, ва
даҳони ӯ бо даҳони вай сухан хоҳад ронд, ва чашмони ӯ чашмони
варо хоҳад дид;
[5] Ва Сидқиёро вай ба Бобил хоҳад бурд, ва ӯ то вақте ки Ман ӯро
тафаққуд намоям, дар он ҷо хоҳад буд, — мегӯяд Худованд, — зеро ки
агар бо калдониён ҷанг кунед, муваффақият нахоҳед ёфт“»+.
[6] Ва Ирмиё гуфт: «Каломи Худованд бар ман нозил шуда, гуфт:
[7] Инак Ҳанамъил ибни Шаллуми тағоят назди ту меояд, то бигӯяд:
„Киштзори маро, ки дар Анотӯт аст, бихар, зеро ки мувофиқи ҳаққи
фидияи хешовандӣ ту бояд бихарӣ“+.
[8] Ва Ҳанамъил писари тағоям бар тибқи каломи Худованд назди
ман ба саҳни посгоҳ омада, ба ман гуфт: „Лутфан, киштзори маро, ки
дар Анотӯт, дар замини Биньёмин аст, бихар, зеро ки ҳаққи
меросгирӣ аз они туст ва ҳаққи фидияи хешовандӣ аз они туст, пас
онро барои худ бихар“. Ва ман донистам, ки ин каломи Худованд
аст+.
[9] Ва киштзорро, ки дар Анотӯт буд, аз Ҳанамъил писари тағоям
харидам; ва баҳои онро ба ӯ баркашида додам, ки ҳабдаҳ сиқл нуқра
буд.
[10] Ва васиқа навиштам, ва мӯҳр задам, ва шоҳидонро барои
шаҳодат даъват намудам, ва нуқраро бо тарозу баркашидам.

[11] Ва васиқаи харидро, ҳам онро, ки бар тибқи аҳком ва фароиз
баста мӯҳр зада шуда буд, ва ҳам онро, ки яла буд, гирифтам, —
[12] Ва ин васиқаи харидро ба Борух ибни Нериё ибни Маҳсеё дар
пеши назари Ҳанамъил писари тағоям ва дар пеши назари шоҳидоне
ки васиқаи харидро имзо карда буданд, дар пеши назари ҳамаи
яҳудиёне ки дар саҳни посгоҳ нишаста буданд, супурдам+.
[13] Ва ба Борух дар пеши назари онҳо супориш дода, гуфтам:
[14] „Худованди лашкарҳо, Худои Исроил чунин мегӯяд: ин
васиқаҳоро, яъне васиқаи ин харидро: ҳам онро, ки баста мӯҳр зада
шудааст, ва ҳам ин васиқаи яларо бигир, ва онҳоро дар зарфи
сафолин бимон, то ки рӯзҳои бисьёр биистад.
[15] Зеро ки Худованди лашкарҳо, Худои Исроил чунин мегӯяд: боз
хонаҳо ва киштзорҳо ва токзорҳо дар ин замин харида хоҳад шуд“».

## Дуои Ирмиё.

[16] «Ва баъд аз он ки васиқаи харидро ба Борух ибни Нериё
супурдам, пеши Худованд чунин дуо гуфтам:
[17] „Ё Худоё Худовандо! Инак, Ту осмон ва заминро бо қуввати
бузурги Худ ва бо бозуи тӯлонии Худ ба вуҷуд овардӣ; барои Ту чизи
мушкиле нест+.
[18] Ту ба ҳазорҳо марҳамат менамоӣ, ва подоши маъсияти
падаронро ба оғӯши фарзандонашон баъд аз онҳо мерасонӣ, эй
Худои бузурги ҷаббор, ки исми Ту Худованди лашкарҳост!+
[19] Ту дар рой бузург ва дар аъмол қавӣ ҳастӣ; чашмони Ту бар
ҳамаи роҳҳои банӣ-одам воз аст, то ки ба ҳар кас мувофиқи роҳҳояш
ва бар тибқи самараи аъмолаш подош диҳӣ+.
[20] Ту аломот ва мӯъҷизот дар замини Миср, ва то имрӯз дар
Исроил ва дар миёни мардумон ба амал овардӣ, ва барои Худ, чунон
ки имрӯз аст, исм пайдо кардӣ+.
[21] Ту қавми Худ — Исроилро бо аломот ва мӯъҷизот, ва бо дасти
қавӣ ва бозуи тӯлонӣ, ва бо ҳайбати азим аз замини Миср берун
овардӣ;+
[22] Ва ин заминро, ки ба падаронашон қасам хӯрдӣ, ки ба онҳо
бидиҳӣ, ба онҳо додӣ, — замине ки шир ва асал дар он ҷорист+.
[23] Ва онҳо омада, онро ба тасарруфи худ дароварданд, вале овози
Туро нашниданд, бар тибқи шариати Ту рафтор накарданд ва он

чиро, ки Ту амр фармудӣ, ки ба ҷо оваранд, ба ҷо наоварданд; ба ин сабаб Ту тамоми ин мусибатро бар онҳо овардӣ+.
24 Инак, хокрезҳо ба шаҳр расидааст, то ки онро забт кунанд; ва шаҳр ба дасти калдониёне ки ба зидди он ҷанг мекунанд, аз боиси шамшер ва қаҳтӣ ва вабо таслим мешавад; ва он чи Ту гуфта будӣ, ба амал меояд, ва инак, Ту инро мебинӣ+.
25 Ва Ту, эй Худованд Худо, ба ман мегӯӣ: ин киштзорро барои худ ба нуқра бихар ва шоҳидонро барои шаҳодат даъват намо, ва ҳол он ки шаҳр ба дасти калдониён супурда мешавад“».

## Ҷавоби Худованд.

26 Ва каломи Худованд бар Ирмиё нозил шуда, гуфт:+
27 «Инак, Ман — Худованд — Худои тамоми башар ҳастам; оё барои Ман чизи мушкиле ҳаст?
28 Бинобар ин Худованд чунин мегӯяд: инак, Ман ин шаҳрро ба дасти калдониён ва ба дасти Набукаднесар подшоҳи Бобил месупорам, ва ӯ онро хоҳад гирифт.
29 Ва калдониёне ки ба зидди ин шаҳр ҷанг мекунанд, дохил шуда, ба ин шаҳр оташ хоҳанд зад ва онро бо хонаҳое ки бар бомҳои онҳо барои Баал бухур месӯзониданд ва ҳадияҳои рехтанӣ барои худоёни бегона рехта, Маро ба ғазаб меоварданд, хоҳанд сӯзонид,+
30 Зеро ки банӣ-Исроил ва банӣ-Яҳудо аз наврасии худ фақат он чиро, ки дар назари Ман бад буд, ба амал меоварданд; зеро ки банӣ-Исроил ҳамеша Маро бо амали дастҳои худ ба ғазаб меоварданд, — мегӯяд Худованд+.
31 Зеро ки ин шаҳр аз рӯзе ки онро бино карданд, то имрӯз сабаби хашм ва ғазаби Ман гардидааст, то ки онро аз ҳузури Худ дур андозам
32 Аз боиси тамоми шароратe ки банӣ-Исроил ва банӣ-Яҳудо ба амал оварданд, то ки Маро ба ғазаб оваранд, — худи онҳо, подшоҳони онҳо, мирони онҳо, коҳинони онҳо ва анбиёи онҳо, ва мардони Яҳудо ва сокинони Ерусалим+.
33 Ва онҳо пушти худро ба Ман гардонданд, на рӯи худро; ва Ман онҳоро таълим додам, ҳар рӯз таълим додам, вале онҳо нашниданд, то панде бипазиранд.

34 Ва дар хонае ки ба исми Ман номида шудааст, чизҳои зишти
худро гузоштанд, то ки онро палид созанд+.
35 Ва минбарҳои Баалро дар водии Бен-Ҳиннӯм бино карданд, то
ки писарон ва духтарони худро барои Мӯлик аз оташ гузаронанд, ки
инро Ман нафармудаам ва ин ба хаёлам наомадааст, ки чунин кори
зиште карда, Яҳудоро гумроҳ созанд+.
36 Бинобар ин алҳол Худованд, Худои Исроил дар ҳаққи ин шаҳр,
ки шумо дар бораи он мегӯед: „Он ба дасти подшоҳи Бобил ба
василаи шамшер ва қаҳтӣ ва вабо таслим шудааст“, чунин мегӯяд:+
37 Инак, Ман онҳоро аз ҳамаи заминҳое ки дар ғазаб ва хашм ва
қаҳри бузурги Худ онҳоро ба он ҷо бадар ронда будам, ҷамъ хоҳам
овард, ва онҳоро ба ин макон баргардонида, дар амният сокин хоҳам
кард+.
38 Ва онҳо қавми Ман хоҳанд буд, ва Ман Худои онҳо хоҳам буд+.
39 Ва Ман ба онҳо як дил ва як роҳ хоҳам дод, то ки ба манфиати
худашон ва фарзандонашон, ки баъд аз онҳо хоҳанд буд, ҳамеша аз
Ман битарсанд+.
40 Ва аҳди ҷовидонӣ бо онҳо хоҳам баст, ки бар тибқи он аз онҳо
рӯ нахоҳам гардонид, то ки ба онҳо некӣ кунам; ва тарси Худро дар
дили онҳо ҷойгир хоҳам кард, то ки онҳо аз Ман дур нашаванд+.
41 Ва аз некӣ кардан ба онҳо шод хоҳам шуд, ва онҳоро ба ростӣ, бо
тамоми дили Худ ва бо тамоми ҷони Худ дар ин замин мисли ниҳоле
хоҳам шинонид+.
42 Зеро Худованд чунин мегӯяд: чунон ки тамоми ин мусибати
азимро бар ин қавм овардам, ончунон Ман тамоми некиеро, ки Ман
дар бораи онҳо гуфтаам, бар онҳо хоҳам овард+.
43 Ва дар ин замин, ки шумо дар бораи он мегӯед: „Ин биёбони бе
одам ва бе чорво аст, ки ба дасти калдониён супурда шудааст“,
киштзорҳо харида хоҳад шуд;
44 Киштзорҳоро ба нуқра харида, васиқаҳо хоҳанд навишт ва баста
мӯҳр хоҳанд зад, ва шоҳидонро барои шаҳодат даъват хоҳанд намуд
— дар замини Биньёмин ва дар атрофи Ерусалим, ва дар шаҳрҳои
Яҳудо ва дар шаҳрҳои кӯҳистон, ва дар шаҳрҳои пастӣ ва дар
шаҳрҳои ҷанубӣ; зеро ки асирони онҳоро хоҳам баргардонид», —
мегӯяд Худованд+.

## Нубувват дар бораи Малакути Масеҳ ва иттифоқи ҷовидонӣ бо Худо.

33 [1] Ва Ирмиё ҳанӯз дар саҳни посгоҳ маҳбус буд, ки каломи
Худованд бори дуюм бар ӯ нозил шуда, гуфт:+
[2] «Худованде ки ин корро мекунад, Худованде ки инро ба вуҷуд
оварда, мустаҳкам менамояд, ва исми Ӯ Худованд аст, чунин мегӯяд:
[3] Маро бихон, ва Ман туро иҷобат хоҳам намуд, ва ба ту чизҳои
бузург ва ниҳониеро, ки намедонӣ, баён хоҳам кард+.
[4] Зеро чунин мегӯяд Худованд, Худои Исроил дар бораи хонаҳои
ин шаҳр ва дар бораи хонаҳои подшоҳони Яҳудо, ки барои хокрезҳо
ва барои ҳарбу зарб валангор карда шудааст+
[5] Ба воситаи онҳое ки омадаанд, то бар зидди калдониён ҷангида,
он хонаҳоро аз лошаҳои одамоне пур кунанд, ки Ман онҳоро дар
хашм ва ғазаби Худ зарба задаам, ва ба сабаби тамоми шарорати онҳо
рӯи Худро аз ин шаҳр пинҳон кардаам:
[6] Инак, Ман ба он марҳам ва даво хоҳам бахшид, ва онҳоро шифо
хоҳам дод, ва фаровонии осоиштагӣ ва ростиро ба онҳо зоҳир хоҳам
сохт+.
[7] Ва асирони Яҳудо ва асирони Исроилро хоҳам баргардонид, ва
онҳоро мисли пештара бино хоҳам кард+.
[8] Ва онҳоро аз тамоми гуноҳе ки пеши Ман ба амал овардаанд, пок
хоҳам кард, ва ҳамаи гуноҳҳои онҳоро, ки пеши Ман ба амал
овардаанд, ва ба василаи онҳо бар зидди Ман исьён кардаанд, хоҳам
омурзид+.
[9] Ва он барои Ман исми шодмонӣ, ҷалол ва шукӯҳ пеши ҳамаи
халқҳои замин хоҳад буд, ки онҳо тамоми некиеро, ки Ман ба он
мекунам, хоҳанд шунид, ва аз боиси тамоми он некӣ ва тамоми он
осоиштагие ки Ман ба он мебахшам, тарсида, ба ларза хоҳанд афтод.
[10] Худованд чунин мегӯяд: дар ин макон, ки шумо дар бораи он
мегӯед: „Он вайрона аст: на одам дорад ва на чорво“, яъне дар
шаҳрҳои Яҳудо ва дар кӯчаҳои Ерусалим, ки валангор гардида, на
одаме доранд, на сокине ва на чорвое,+
[11] Боз садои шодмонӣ ва садои хурсандӣ, овози домод ва овози
арӯс шунида хоҳад шуд, овози онҳое ки мегӯянд: „Худованди
лашкарҳоро ҳамд гӯед, зеро Худованд некӯст, ва эҳсони Ӯ то абад

аст“, овози онҳое ки қурбонии шукрона ба хонаи Худованд
меоваранд; зеро ки Ман асирони ин заминро мисли пештара хоҳам
баргардонид, — мегӯяд Худованд+.
12 Худованди лашкарҳо чунин мегӯяд: дар ин макон, ки вайронаи
бе одам ва бе чорво гардидааст, ва дар ҳамаи шаҳрҳои он боз
чарогоҳҳои чӯпонон хоҳад буд, ки онҳо рамаҳои худро бемалол
хоҳанд хобонид.
13 Дар шаҳрҳои кӯҳистон, дар шаҳрҳои пастӣ ва дар шаҳрҳои
ҷанубӣ, ва дар замини Биньёмин ва дар атрофи Ерусалим ва дар
шаҳрҳои Яҳудо боз рамаҳо аз зери дасти шуморандагон хоҳанд
гузашт, — мегӯяд Худованд.
14 Инак, айёме фаро мерасад, — мегӯяд Худованд, — ки Ман он
каломи некро, ки дар бораи хонадони Исроил ва дар бораи хонадони
Яҳудо баён намудаам, ба ҷо хоҳам овард.
15 Дар он айём ва дар он замон Ман Шохаи одиле барои Довуд
хоҳам рӯёнид, ва Ӯ инсофу адолатро дар замин ба амал хоҳад овард+.
16 Дар он айём Яҳудо наҷот хоҳад ёфт, ва Ерусалим дар амният
сокин хоҳад шуд; ва ин аст исме ки бо он хонда хоҳад шуд: „Худованд
— адолати мо“+.
17 Зеро ки Худованд чунин мегӯяд: аз Довуд касе ки бар тахти
хонадони Исроил биншинад, кам нахоҳад шуд,+
18 Ва аз коҳинони левизода касе ки ҳар рӯз қурбониҳои сӯхтанӣ
бароварад ва ҳадияҳои ордӣ бисӯзонад ва забҳҳо ба амал оварад, аз
ҳузури Ман кам нахоҳад шуд».
19 Ва каломи Худованд бар Ирмиё нозил шуда, гуфт:+
20 «Худованд чунин мегӯяд: агар шумо тавонед аҳди Маро, ки бо
рӯз бастаам, ва аҳди Маро, ки бо шаб бастаам, ботил намоед, ба тавре
ки рӯз ва шаб дар вақти худ фаро нарасад,
21 Он гоҳ аҳде низ, ки бо бандаи Худ Довуд бастаам, ботил хоҳад
шуд, ба тавре ки ӯро писаре набошад, ки бар тахти ӯ подшоҳӣ кунад,
ҳамчунин аҳде ки бо коҳинони левизода, ки хизматгузорони
Мананд, бастаам+.
22 Чунон ки лашкари осмон сону шумор надорад, ва реги дарьё аз
андоза берун аст, ончунон насли бандаи Худ Довуд ва левизодагонро,
ки ба Ман хизматгузорӣ менамоянд, афзун хоҳам кард»+.
23 Ва каломи Худованд бар Ирмиё нозил шуда, гуфт:

24 «Оё намебинӣ, ки ин қавм чӣ мегӯянд: „Он ду хонадоне ки
Худованд баргузида буд, Ӯ аз онҳо безор шудааст“, ва аз қавми Ман
нафрат мекунанд, гӯё ки дигар дар назари онҳо халқе набошанд?
25 Худованд чунин мегӯяд: агар аҳди Худро бо рӯз ва шаб
намебастам, ва қонунҳои осмон ва заминро барқарор намекардам,+
26 Он гоҳ аз насли Яъқуб ва бандаи Худ Довуд низ безор мешудам,
то ки аз насли ӯ ҳокимонро барои насли Иброҳим, Исҳоқ ва Яъқуб
нагирам; зеро ки асирони онҳоро хоҳам баргардонид ва бар онҳо
раҳм хоҳам кард»+.

## Ба Сидқиё пешгӯӣ карда шуд,
## ки ба зудӣ ба асирӣ меафтад.

**34** [1] Каломе ки аз ҷониби Худованд дар замоне ки Набукаднесар
подшоҳи Бобил ва тамоми лашкари ӯ, ва ҳамаи мамлакатҳои
замин, ки зердасти ӯ буданд, ва ҳамаи қавмҳо бар зидди Ерусалим ва
бар зидди ҳамаи шаҳрҳои он меҷангиданд, бар Ирмиё нозил шуда,
гуфт:+
[2] «Худованд, Худои Исроил чунин мегӯяд: бирав ва Сидқиё
подшоҳи Яҳудоро хитоб намо ва ба ӯ бигӯй: „Худованд чунин мегӯяд:
инак, Ман ин шаҳрро ба дасти подшоҳи Бобил месупорам, ва ӯ онро
ба оташ хоҳад сӯзонид;+
[3] Ва Ту аз дасти ӯ раҳо нахоҳӣ шуд, балки дастгир гардида, ба
дасти ӯ супурда хоҳӣ шуд, ва чашмони ту чашмони подшоҳи Бобилро
хоҳад дид, ва даҳони ӯ бо даҳони ту гуфтугӯ хоҳад кард, ва ту ба
Бобил хоҳӣ рафт“+.
[4] Аммо каломи Худовандро бишнав, эй Сидқиё подшоҳи Яҳудо!
Худованд дар бораи ту чунин мегӯяд: ту ба дами шамшер нахоҳӣ
мурд;
[5] Ту дар осоиштагӣ хоҳӣ мурд, ва чунон ки барои падарони ту, —
барои подшоҳоне ки пеш аз ту буданд, — моддаҳои хушбӯй
сӯзонидаанд, ончунон барои ту хоҳанд сӯзонид ва барои ту навҳа
карда, хоҳанд гуфт: „Э вой оғо!“, зеро ки ин суханро Ман гуфтам, —
мегӯяд Худованд»+.
[6] Ва Ирмиёи набӣ ҳамаи ин суханонро ба Сидқиё подшоҳи Яҳудо
дар Ерусалим гуфт.
[7] Дар ин миён лашкари подшоҳи Бобил бар зидди Ерусалим ва бар
зидди ҳамаи шаҳрҳои боқимондаи Яҳудо, яъне бар зидди Локиш ва
Азеқо меҷангиданд, зеро ки аз шаҳрҳои ҳисордори Яҳудо фақат
ҳамин шаҳрҳо боқӣ монда буданд+.
[8] Каломе ки аз ҷониби Худованд бар Ирмиё нозил шуд, баъд аз он
ки подшоҳ Сидқиё бо тамоми қавме ки дар Ерусалим буданд, аҳд
баст, ки озодӣ эълон намоянд,
[9] То ки ҳар кас ғуломи ибрии худ ва ҳар кас канизи ибрияи худро
ба озодӣ ҷавоб диҳад, ва ҳеҷ кас барои яҳудии бародари худ ғулом

набошад+.
10 Ва ҳамаи мирон ва тамоми қавме ки ба ин аҳд шарик шуданд,
итоат карданд ба он ки ҳар кас ғуломи худ ва ҳар кас канизи худро ба
озодӣ ҷавоб диҳад, ва дигар ғуломе надошта бошад, — ва онҳо итоат
карданд ва ҷавоб доданд.
11 Валекин баъд аз ин онҳо аз фикри худ гашта, ғуломон ва
канизонеро, ки ба озодӣ ҷавоб дода буданд, баргардонида, зердаст
карданд, то ки ғулом ва каниз бошанд.
12 Ва каломи Худованд бар Ирмиё аз ҷониби Худованд нозил шуда,
гуфт:
13 «Худованд, Худои Исроил чунин мегӯяд: Ман бо падарони шумо
дар рӯзе ки онҳоро аз замини Миср, аз хонаи ғуломӣ берун овардам,
аҳд баста, гуфтам:+
14 „Дар соли ҳафтум, ки соли охирин аст, ҳар яке аз шумо
бародари ибрии худро, ки худро ба ту фурӯхта бошад, ҷавоб диҳед:
бигзор ӯ назди ту шаш сол ғулом бошад, ва баъд аз он ӯро аз пеши
худ ба озодӣ ҷавоб деҳ“; вале падарони шумо Маро нашниданд, ва
гӯши худро хам накарданд+.
15 Ва алҳол шумо руҷӯъ намуда, он чиро, ки дар назари Ман
ҳаққонист, ба амал овардед: ҳар кас барои ёри худ озодӣ эълон
намуд, ва дар ҳузури Ман, дар хонае ки ба исми Ман номида шудааст,
аҳд бастед;
16 Вале аз фикри худ гашта, исми Маро хор доштед, ва ҳар кас
ғуломи худ ва ҳар кас канизи худро, ки ба дилхоҳи онҳо ба озодӣ
ҷавоб дода будед, баргардонида, онҳоро зердаст кардед, то ки барои
шумо ғулом ва каниз бошанд.
17 Бинобар ин Худованд чунин мегӯяд: шумо Маро нашнидед дар
бораи он ки ҳар кас барои бародари худ ва хар кас барои ёри худ
озодӣ эълон намояд; пас, инак Ман, — мегӯяд Худованд, — барои
шумо озодиро сӯи шамшер, вабо ва қаҳтӣ эълон хоҳам кард, ва
шуморо барои ҳамаи мамлакатҳои замин ба даҳшат табдил хоҳам
дод;+
18 Ва таслим хоҳам намуд касонеро, ки аҳди Маро поймол карданд
ва ба ҷо наоварданд суханони аҳдеро, ки ба ҳузури Ман ба василаи
гӯсолае бастанд, ки онро ду пора карданд ва аз миёни пораҳои он
гузаштанд,

[19] Яъне мирони Яҳудо ва мирони Ерусалим, хоҷасароён ва
коҳинон ва тамоми қавми заминро, ки аз миёни пораҳои гӯсола
гузаштанд, —
[20] Онҳоро ба дасти душманонашон ва ба дасти толибони ҷонашон
таслим хоҳам намуд, ва ҷасадҳошон хӯроки мурғони осмон ва
ҳайвоноти замин хоҳад шуд+.
[21] Ва Сидқиё подшоҳи Яҳудо ва мирони ӯро ба дасти
душманонашон ва толибони ҷонашон, ва ба дасти лашкари подшоҳи
Бобил, ки аз назди шумо ақиб нишастаанд, таслим хоҳам намуд+.
[22] Инак, Ман амр мефармоям, — мегӯяд Худованд, — ва онҳоро сӯи
ин шаҳр бармегардонам, ва онҳо ба муқобили он ҷангида, онро забт
хоҳанд кард, ва онро ба оташ хоҳанд сӯзонид; ва шаҳрҳои Яҳудоро
биёбони ғайримаскун хоҳам гардонид»+.

## Итоати Рекобиён ҳамчун намунаи ибрат барои яҳудиён оварда мешавад.

**35** 1 Каломе ки аз ҷониби Худованд дар айёми Еҳӯёқим ибни
Йӯшиё подшоҳи Яҳудо бар Ирмиё нозил шуда, гуфт:+
2 «Ба хонаи Рекобиён бирав ва бо онҳо гуфтугӯ намо, ва онҳоро ба
хонаи Худованд, ба яке аз ҳуҷраҳои он биёр, ва ба онҳо шароб
бинӯшон»+.
3 Ва ман Еазаньё ибни Ирмиё ибни Ҳавасиньё, ва бародаронаш, ва
ҳамаи писаронаш, ва тамоми аҳли хонаводаи Рекобиёнро гирифтам,
4 Ва онҳоро ба хонаи Худованд, ба ҳуҷраи писарони Ҳонон ибни
Йигдальёи марди Худо овардам, ки он назди ҳуҷраи мирон, болои
ҳуҷраи Маасеё ибни Шаллуми посбони даромадгоҳ мебошад;
5 Ва пеши писарони хонаводаи Рекобиён кӯзаҳои пур аз шароб ва
косаҳоро монда, ба онҳо гуфтам: «Шароб нӯшед».
6 Вале онҳо гуфтанд: «Мо шароб наменӯшем, зеро ки падарамон
Йӯнодоб ибни Рекоб ба мо амр фармуда, гуфтааст: „Шумо ва
писарони шумо то абад шароб нанӯшед,+
7 Ва хонаҳо бино накунед, ва тухм кишт нанамоед, ва ток
нашинонед, ва соҳиби он чизҳо набошед, балки тамоми айёми худ
хайманишин шавед, то бар рӯи замине ки шумо дар он мусофират
менамоед, рӯзҳои бисьёр зиндагӣ кунед“.
8 Ва мо ба овози падарамон Йӯнодоб ибни Рекоб, дар ҳар чи ба мо
амр фармудааст, итоат намуда, тамоми айёми худ шароб
нанӯшидем, — худамон, занонамон, писаронамон ва духтаронамон,
9 Ва хонаҳо барои иқомати худ бино накардем, ва мо токзор ва
киштгоҳ ва зироат надорем,
10 Ва дар хаймаҳо сукунат дорем, ва ҳар он чи падарамон Йӯнодоб
ба мо амр фармудааст, ба он итоат менамоем ва мувофиқи он амал
мекунем.
11 Ва ҳангоме ки Набукаднесар подшоҳи Бобил ба ин замин омад,
мо ба худ гуфтем: „Биёед, аз дасти лашкари калдониён ва аз дасти
лашкари арамиён ба Ерусалим биравем“, — ва инак мо дар Ерусалим
сокин шудаем»+.
12 Ва каломи Худованд бар Ирмиё нозил шуда, гуфт:

[13] «Худованди лашкарҳо, Худои Исроил чунин мегӯяд: бирав ва ба мардони Яҳудо ва ба сокинони Ерусалим бигӯй: оё шумо сабақ намегиред, то ки ба суханони Ман гӯш диҳед? — мегӯяд Худованд.

[14] Суханони Йӯнодоб ибни Рекоб, ки ба писаронаш амр фармуд, ки шароб нанӯшанд, ба ҷо оварда мешавад, ва онҳо то имрӯз наменӯшанд, зеро ки ба амри падари худ гӯш мекунанд; вале Ман ба шумо гуфтам, ҳар рӯз аз субҳидам сухан рондам, ва шумо ба Ман гӯш надодед.

[15] Ва ҳамаи бандагони Худ — анбиёро назди шумо фиристодам, ҳар рӯз аз субҳидам фиристода, гуфтам: „Лутфан, ҳар яке аз шумо аз роҳи бади худ гашта, аъмоли худро ислоҳ намоед, ва аз паи худоёни бегона рафта, онҳоро ибодат накунед, то бар замине ки ба шумо ва падаронатон додаам, сукунат кунед“, вале шумо гӯши худро хам накардед ва Маро нашнидед+.

[16] Зеро писарони Йӯнодоб ибни Рекоб амри падари худро, ки ба онҳо фармудааст, ба ҷо меоваранд, вале ин қавм ба Ман гӯш намедиҳанд.

[17] Бинобар ин Худованд, Худои лашкарҳо, Худои Исроил чунин мегӯяд: инак, Ман бар Яҳудо ва бар ҳамаи сокинони Ерусалим тамоми он мусибатро, ки дар ҳаққи онҳо баён намудаам, хоҳам овард, чунки Ман ба онҳо гуфтам, вале онҳо нашниданд, ва Ман онҳоро хондам, вале онҳо ҷавоб надоданд»+.

[18] Ва Ирмиё ба аҳли хонаводаи Рекобиён гуфт: «Худованди лашкарҳо, Худои Исроил чунин мегӯяд: азбаски шумо ба амри падари худ Йӯнодоб гӯш додед ва тамоми аҳкоми ӯро риоя кардед, ва ҳар он чи ӯ фармудааст, ба ҷо овардед,

[19] Бинобар ин Худованди лашкарҳо, Худои Исроил чунин мегӯяд: аз Йӯнодоб ибни Рекоб касе ки ҳамеша ба ҳузури Ман меистода бошад, кам нахоҳад шуд».

## Тӯмор бо суханони Ирмиё ба ҳузури подшоҳ Еҳӯёқим нобуд карда шуд.

36 [1] Ва дар соли чоруми Еҳӯёқим ибни Йӯшиё подшоҳи Яҳудо
воқеъ шуд, ки ин калом аз ҷониби Худованд бар Ирмиё нозил
шуда, гуфт:+
[2] «Тӯмори китобат барои худ бигир ва ҳамаи суханонеро, ки Ман
дар бораи Исроил ва дар бораи ҳамаи халқҳо ба ту гуфтаам, аз рӯзе
ки ба ту сухан рондаам, яъне аз айёми Йӯшиё то имрӯз, дар он
бинавис+.
[3] Шояд, хонадони Яҳудо тамоми мусибатеро, ки Ман мехоҳам бар
онҳо оварам, бишнаванд, то ки ҳар яке аз роҳи бади худ баргарданд,
ва Ман маъсият ва гуноҳи онҳоро биомурзам»+.
[4] Ва Ирмиё Борух ибни Нериёро даъват намуд, ва Борух аз забони
Ирмиё ҳамаи суханони Худовандро, ки ба ӯ гуфта буд, дар тӯмори
китобат бинавишт+.
[5] Ва Ирмиё ба Борух амр фармуда, гуфт: «Ман маҳбус ҳастам ва
наметавонам ба хонаи Худованд биёям;
[6] Пас, ту бирав ва суханони Худовандро, ки аз забони ман дар
тӯмор навиштаӣ, дар хонаи Худованд дар рӯзи рӯзадорӣ дар гӯши
тамоми қавм бихон, ҳамчунин дар гӯши ҳамаи яҳудиёне ки аз
шаҳрҳои худ омадаанд, онҳоро бихон;
[7] Шояд, онҳо ба ҳузури Худованд истиғоса баранд ва ҳар яке аз
роҳи бади худ баргарданд, зеро хашму ғазабе ки Худованд дар бораи
ин қавм баён намудааст, бузург аст».
[8] Ва Борух ибни Нериё ҳар он чиро, ки Ирмиёи набӣ ба ӯ фармуда
буд, то ки суханони Худовандро аз он тӯмор дар хонаи Худованд
бихонад, ба ҷо овард.
[9] Ва дар соли панҷуми Еҳӯёқим ибни Йӯшиё подшоҳи Яҳудо воқеъ
шуд, ки дар моҳи нӯҳум тамоми қавме ки дар Ерусалим буданд, ва
тамоми қавме ки аз шаҳрҳои Яҳудо ба Ерусалим омаданд, ба ҳузури
Худованд рӯза эълон карданд+.
[10] Ва Борух суханони Ирмиёро аз он тӯмор дар хонаи Худованд,
дар ҳуҷраи Ҷамарьё ибни Шофони котиб, дар саҳни боло, дар даҳани
дарвозаи нави хонаи Худованд, дар гӯши тамоми қавм хонд+.

11 Ва Михой ибни Ҷамарьё ибни Шофон ҳамаи суханони
Худовандро аз он тӯмор шунид,
12 Ва ба хонаи подшоҳ, ба ҳуҷраи котиб фурӯд омад, ва инак, дар
он ҷо ҳамаи мирон нишаста буданд: Элишомои котиб, ва Далоё ибни
Шамаъё, ва Элнотон ибни Ахбӯр, ва Ҷамарьё ибни Шофон, ва Сидқиё
ибни Ҳананьё, ва ҳамаи мирон;+
13 Ва Михой ҳамаи суханонеро, ки шунида буд, вақте ки Борух
тӯморро дар гӯши қавм хонд, ба онҳо ҳикоят кард.
14 Ва ҳамаи мирон Яҳудӣ ибни Натаньё ибни Шамаъё ибни
Ҳабаширо назди Борух фиристоданд, ки бигӯяд: «Он тӯморро, ки дар
гӯши қавм хондӣ, ба дасти худ гирифта, биё». Ва Борух ибни Нериё
он тӯморро ба дасти худ гирифта, назди онҳо омад.
15 Ва онҳо ба ӯ гуфтанд: «Бинишин ва онро дар гӯши мо бихон». Ва
Борух дар гӯши онҳо хонд.
16 Ва ҳангоме ки онҳо ҳамаи он суханонро шуниданд, бо ҳарос ба
ҳамдигар нигаристанд, ва ба Борух гуфтанд: «Мо ҳамаи ин суханонро
албатта ба подшоҳ нақл хоҳем намуд».
17 Ва ба Борух савол дода, гуфтанд: «Ба мо бигӯй, ки ҳамаи ин
суханонро чӣ гуна аз забони ӯ навиштӣ?»
18 Ва Борух ба онҳо гуфт: «Ӯ аз забони худ ба ман ҳамаи ин
суханонро хонд, ва ман бо сиёҳӣ дар тӯмор навиштам».
19 Ва мирон ба Борух гуфтанд: «Рафта, ту ва Ирмиё пинҳон шавед,
то касе надонад, ки шумо куҷоед».
20 Ва тӯморро дар ҳуҷраи Элишомои котиб гузошта, ба қасри
подшоҳ рафтанд ва ҳамаи он суханонро дар гӯши подшоҳ нақл
карданд.
21 Ва подшоҳ Яҳудиро фиристод, ки тӯморро биёрад, ва ӯ онро аз
ҳуҷраи Элишомои котиб овард, ва онро Яҳудӣ дар гӯши подшоҳ ва
дар гӯши ҳамаи мироне ки назди подшоҳ истода буданд, хонд.
22 Ва подшоҳ дар моҳи нӯҳум дар хонаи зимистонӣ нишаста буд,
ва дар пеши ӯ манқали оташ месӯхт+.
23 Ва чун Яҳудӣ се-чор сутунро хонда тамом мекард, подшоҳ бо
кордчаи китобат онро бурида мегирифту дар оташи манқал
меандохт, то даме ки тамоми он тӯмор дар оташи манқал сӯзонида
шуд.

[24] Вале подшоҳ ва ҳамаи бандагонаш, ки ҳамаи ин суханонро
шуниданд, натарсиданд ва ҷомаҳои худро чок назаданд,+
[25] Ва ҳарчанд Элнотон ва Далоё ва Ҷамарьё аз подшоҳ илтимос
карданд, ки тӯморро насӯзонад, ӯ ба онҳо гӯш надод.
[26] Ва подшоҳ ба Ераҳмеили шоҳзода ва Сароё ибни Азриил ва
Шелемьё ибни Абдаил амр фармуд, ки Борухи котиб ва Ирмиёи
набиро дастгир кунанд, вале Худованд онҳоро пинҳон кард+.

## Тӯмор аз нав навишта шуд.

[27] Ва баъд аз он ки подшоҳ тӯмор ва суханонеро, ки Борух аз
забони Ирмиё навишта буд, сӯзонид, каломи Худованд бар Ирмиё
нозил шуда, гуфт:
[28] «Барои худ аз нав тӯмори дигаре бигир ва ҳамаи суханони
пештараро, ки дар тӯмори якум буд, ва онро Еҳӯёқим подшоҳи Яҳудо
сӯзонид, дар он бинавис.
[29] Ва ба Еҳӯёқим подшоҳи Яҳудо бигӯй: Худованд чунин мегӯяд: ту
ин тӯморро сӯзонида, гуфтӣ: чаро ту дар он чунин навиштӣ:
„Подшоҳи Бобил ҳатман хоҳад омад ва ин заминро валангор карда,
одамон ва ҳайвонотро аз он барҳам хоҳад зад“+?
[30] Бинобар ин Худованд дар бораи Еҳӯёқим подшоҳи Яҳудо чунин
мегӯяд: ӯро касе нахоҳад буд, ки бар тахти Довуд биншинад, ва
ҷасади ӯ дар гармои рӯз ва сармои шаб партофта хоҳад шуд+.
[31] Ва ӯ ва насли ӯ ва бандагони ӯро Ман барои гуноҳашон ҷазо
хоҳам дод, ва бар онҳо ва бар сокинони Ерусалим ва бар мардони
Яҳудо тамоми он мусибатро, ки дар ҳаққи онҳо баён намудаам,
хоҳам овард, чунки онҳо гӯш надоданд».
[32] Ва Ирмиё тӯмори дигаре гирифта, ба Борух ибни Нериёи котиб
дод, ва ӯ ҳамаи суханони тӯмореро, ки Еҳӯёқим подшоҳи Яҳудо ба
оташ сӯзонида буд, аз забони Ирмиё дар он бинавишт, ва боз бар
онҳо суханони бисьёре монанди онҳо илова карда шуд.

## Ирмиё дар замони подшоҳ Сидқиё дар бандихона андохта шуд.

**37** 1 Ва ба ҷои Коньё ибни Еҳӯёқим подшоҳ Сидқиё ибни Йӯшиё,
ки ӯро Набукаднесар подшоҳи Бобил бар замини Яҳудо ба
подшоҳӣ бардошта буд, подшоҳӣ кард+.
2 Ва ӯ ва бандагони ӯ ва қавми замин ба суханони Худованд, ки ба
воситаи Ирмиёи набӣ гуфта буд, гӯш надоданд+.
3 Ва подшоҳ Сидқиё Еҳукал ибни Шелемьё ва Сафаньё ибни
Маасёеи коҳинро назди Ирмиёи набӣ фиристод, ки бигӯянд:
«Лутфан, барои мо пеши Худованд Худои мо дуо бигӯй»+.
4 Ва Ирмиё дар миёни қавм даробаро дошт, чунки ӯро ҳанӯз дар
зиндон наандохта буданд+.
5 Ва лашкари фиръавн аз Миср берун омаданд, ва калдониёне ки
Ерусалимро мусаххар карда буданд, овозаи омадомади онҳоро
шунида, аз Ерусалим ақиб нишастанд+.
6 Ва каломи Худованд бар Ирмиёи набӣ нозил шуда, гуфт:+
7 «Худованд, Худои Исроил чунин мегӯяд: ба подшоҳи Яҳудо, ки
шуморо назди ман фиристодааст, то аз ман илтимос кунед, чунин
бигӯед: инак, лашкари фиръавн, ки ба ёрмандии шумо берун
омадаанд, ба замини худ, ба Миср хоҳанд баргашт.
8 Ва калдониён бозгашта, бар зидди ин шаҳр ҷанг хоҳанд кард, ва
онро забт намуда, ба оташ хоҳанд сӯзонид+.
9 Худованд чунин мегӯяд: худро фирефта карда, нагӯед, ки
„калдониён аз пеши мо ҳатман хоҳанд рафт“, зеро ки онҳо нахоҳанд
рафт.
10 Агар шумо ҳатто тамоми лашкари калдониёнро, ки бар зидди
шумо меҷанганд, торумор мекардед, ба тавре ки аз онҳо фақат
маҷрӯҳон боқӣ мемонданд, дар он сурат ҳам онҳо ҳар яке аз
хаймаҳои худ бархоста, ин шаҳрро ба оташ месӯзониданд».
11 Ва воқеъ шуд вақте ки лашкари калдониён аз боиси лашкари
фиръавн ақиб менишастанд,
12 Ирмиё аз Ерусалим берун омад, то ки ба замини Биньёмин
биравад ва дар он ҷо ҳиссаи худро аз миёни қавм бигирад.
13 Ва ҳангоме ки ӯ ба дарвозаи Биньёмин расид, дар он ҷо сардори
посбонон, ки Ирьиё ибни Шелемьё ном дошт, Ирмиёи набиро

дастгир карда, гуфт: «Ту мехоҳӣ ба калдониён таслим шавӣ!»+
14 Ва Ирмиё гуфт: «Дурӯғ мегӯӣ! Ман намехоҳам ба калдониён
таслим шавам!» Вале вай ба ӯ гӯш надод; ва Иръиё Ирмиёро дастгир
карда, назди мирон овард.
15 Ва мирон бар Ирмиё хашм гирифта, ӯро заданд; ва ӯро дар
хонаи Еҳӯнотони котиб ба бандихона андохтанд, зеро ки онро ба
ҳабсхона табдил дода буданд+.
16 Ва Ирмиё дар зиндони зеризаминӣ ба яке аз ҳуҷраҳо дохил шуд,
ва дар он ҷо Ирмиё рӯзҳои бисьёр нишаст.
17 Ва подшоҳ Сидқиё кас фиристода, ӯро овард, ва подшоҳ дар
хонаи худ ба таври ниҳонӣ аз ӯ пурсида, гуфт: «Оё каломе аз ҷониби
Худованд ҳаст?» Ва Ирмиё гуфт: «Ҳаст», ва гуфт: «Ту ба дасти
подшоҳи Бобил супурда хоҳӣ шуд»+.
18 Ва Ирмиё ба подшоҳ Сидқиё гуфт: «Ман пеши ту, ва пеши
бандагони ту, ва пеши ин қавм чӣ гуноҳ кардам, ки маро дар зиндон
андохтед?
19 Ва анбиёи шумо куҷоянд, ки ба шумо нубувват намуда гуфта
буданд: „Подшоҳи Бобил ба муқобили шумо ва ба муқобили ин
замин нахоҳад омад“+?
20 Ва акнун, эй оғоям подшоҳ, бишнав: бигзор истиғосаи ман пеши
ту мақбул афтад, ва ту маро ба хонаи Еҳӯнотони котиб барнагардон,
то ки ман дар он ҷо намирам».
21 Ва подшоҳ Сидқиё амр фармуд, ва Ирмиёро дар саҳни посгоҳ
бандӣ карданд, ва ҳар рӯз ба ӯ аз растаи нонвоён якто нон медоданд,
то вақте ки тамоми нон аз шаҳр тамом шуд. Ва Ирмиё дар саҳни
посгоҳ монд+.

## Ирмиё дар чоҳ. Ӯ ба подшоҳ машварат медиҳад, ки ба душман муқобилият накунад.

**38** 1 Ва Шафатьё ибни Маттон ва Ҷадальё ибни Пашҳур ва Юхал
ибни Шелемьё ва Пашҳур ибни Малкиё суханони Ирмиёро
шуниданд, ки ба тамоми қавм рӯ оварда, мегуфт:+
2 «Худованд чунин мегӯяд: касе ки дар ин шаҳр бимонад, аз
шамшер, қаҳтӣ ва вабо хоҳад мурд; ва ҳар кӣ назди калдониён
биравад, хоҳад зист, ва ҷонаш барои вай ғанимат гардида, зинда
хоҳад монд+.
3 Худованд чунин мегӯяд: ин шаҳр ҳатман ба дасти лашкари
подшоҳи Бобил супурда хоҳад шуд, ва ӯ онро забт хоҳад кард»+.
4 Ва мирон ба подшоҳ гуфтанд: «Бигзор ин шахс ба қатл расонида
шавад, зеро дастҳои ҷанговаронеро, ки дар ин шаҳр боқӣ мондаанд,
ва дастҳои тамоми қавмро суст мекунад, чунки чунин суханро ба
онҳо мегӯяд; зеро ин шахс барои ин қавм осоиштагиро не, балки
мусибатро металабад»+.
5 Ва подшоҳ Сидқиё гуфт: «Инак, ӯ дар дасти шумост, зеро ки
подшоҳ бар хилофи шумо наметавонад коре кунад»+.
6 Ва Ирмиёро гирифта, дар чоҳи Малкиёи писари подшоҳ, ки дар
саҳни посгоҳ буд, андохтанд, ва Ирмиёро бо таноб фурӯд оварданд,
ва дар чоҳ об набуд, балки лӯш буд, ва Ирмиё дар лӯш ғӯтид+.
7 Ва Абдумалики Ҳабашӣ, ки дар хонаи подшоҳ хоҷасарой буд,
шунид, ки Ирмиёро дар чоҳ андохтаанд; ва подшоҳ назди дарвозаи
Биньёмин нишаста буд+.
8 Ва Абдумалик аз хонаи подшоҳ берун омад ва ба подшоҳ рӯ
оварда, гуфт:
9 «Эй оғоям подшоҳ! Ин одамон бо ҳар чи дар ҳаққи Ирмиёи набӣ
карда, ӯро дар чоҳ андохтаанд, шарирона амал намудаанд, ва ӯ он ҷо
аз гуруснагӣ хоҳад мурд, зеро ки дар шаҳр дигар нон нест»+.
10 Ва подшоҳ ба Абдумалики Ҳабашӣ амр фармуда, гуфт: «Сӣ
нафар аз ин ҷо ҳамроҳи худ бигир ва Ирмиёи набиро, пеш аз он ки
бимирад, аз чоҳ берун овар».
11 Ва Абдумалик одамонро ҳамроҳи худ гирифт, ва дар хонаи
подшоҳ ба таҳхонаи хазина даромад, ва аз он ҷо латтапораҳо ва

либосҳои кӯҳнаро гирифт, ва бо таноб онҳоро назди Ирмиё дар чоҳ
фурӯд овард.
12 Ва Абдумалики Ҳабашӣ ба Ирмиё гуфт: «Ин латтапораҳо ва
либоси кӯҳнаро зери қӯлтуқат аз таги таноб бимон». Ва Ирмиё
ҳамин тавр кард.
13 Ва Ирмиёро бо таноб кашиданд, ва ӯро аз чоҳ берун оварданд, ва
Ирмиё дар саҳни посгоҳ монд.
14 Ва подшоҳ Сидқиё кас фиристода, Ирмиёи набиро ба воситаи
даромадгоҳи сеюме ки дар хонаи Худо буд, назди худ оваронид; ва
подшоҳ ба Ирмиё гуфт: «Ман аз ту чизе мепурсам, аз ман ҳеҷ чизро
пинҳон надор».
15 Ва Ирмиё ба Сидқиё гуфт: «Агар ба ту бигӯям, ту, охир, маро
хоҳӣ кушт, ва агар машварате ба ту бидиҳам, ту, охир, маро нахоҳӣ
шунид!»
16 Ва подшоҳ Сидқиё ба таври ниҳонӣ ба Ирмиё қасам хӯрда, гуфт:
«Ба ҳаёти Худованде ки барои мо ин ҷонро офаридааст, қасам ки ман
туро нахоҳам кушт ва ба дасти ин одамоне ки толиби ҷони ту
ҳастанд, нахоҳам супурд».
17 Ва Ирмиё ба Сидқиё гуфт: «Худованд, Худои лашкарҳо, Худои
Исроил чунин мегӯяд: агар ту назди мирони подшоҳи Бобил берун
ойӣ, ҷони ту зинда хоҳад монд, ва ин шаҳр ба оташ сӯзонида нахоҳад
шуд, ва ту ва аҳли байти ту хоҳед зист;+
18 Ва агар назди мирони подшоҳи Бобил берун наойӣ, ин шаҳр ба
дасти калдониён супурда хоҳад шуд, ва онҳо онро ба оташ хоҳанд
сӯзонид, ва ту аз дасти онҳо раҳо нахоҳӣ шуд»+.
19 Ва подшоҳ Сидқиё ба Ирмиё гуфт: «Ман аз яҳудиёне ки назди
калдониён гурехтаанд, метарсам: мабодо маро ба дасти онҳо
супоранд, ва онҳо маро таҳқир намоянд»+.
20 Ва Ирмиё гуфт: «Нахоҳанд супурд; дар он чи ман ба ту мегӯям,
овози Худовандро бишнав, ва барои ту некӯ хоҳад буд, ва ҷонат зинда
хоҳад монд+.
21 Вале агар ту аз берун омадан сар тобӣ, ин аст каломе ки
Худованд ба ман зоҳир намуд:
22 „Инак, ҳамаи заноне ки дар хонаи подшоҳи Яҳудо боқӣ
мондаанд, назди мирони подшоҳи Бобил бурда хоҳанд шуд, ва онҳо
хоҳанд гуфт:

дӯстонат туро иғво андохта, бар ту ғолиб омаданд;
пойҳои ту дар ботлоқ ғӯтидааст, онҳо ақиб рафтаанд+.
23 Ва ҳамаи занонат ва фарзандонатро назди калдониён хоҳанд
баровард, ва ту аз дасти онҳо халосӣ нахоҳӣ ёфт, зеро ки ба дасти
подшоҳи Бобил хоҳӣ афтод, ва ин шаҳр ба оташ сӯзонида хоҳад
шуд“»+.
24 Ва Сидқиё ба Ирмиё гуфт: «Бигзор ҳеҷ кас аз ин суханон воқиф
нашавад, ва он гоҳ ту нахоҳӣ мурд;
25 Вале агар мирон бишнаванд, ки бо ту гуфтугӯ кардаам, ва назди
ту омада, ба ту бигӯянд: „Лутфан, он чиро, ки ба подшоҳ гуфтӣ, ва он
чиро, ки подшоҳ ба ту гуфт, ба мо бигӯй, онро аз мо пинҳон надор, то
ки туро ба қатл нарасонем“, —
26 Пас ба онҳо бигӯй: „Ман истиғосаи худро ба ҳузури подшоҳ баён
намудам, то ки маро ба хонаи Еҳӯнотон барнагардонад, ки дар он ҷо
бимирам“»+.
27 Ва ҳамаи мирон назди Ирмиё омада, аз ӯ пурсиданд, ва ӯ бар
тибқи ҳамаи ин суханоне ки подшоҳ амр фармуда буд, ба онҳо гуфт,
ва онҳо дигар чизе нагуфта, ӯро ба ҳоли худ гузоштанд, чунки аз
мусоҳибаи ӯ вуқуф наёфтанд.
28 Ва Ирмиё то рӯзи забт гардидани Ерусалим дар саҳни посгоҳ
монд. Ва Ерусалим забт гардид.

## Ба таври қатъӣ ба асирӣ рафтани Яҳудо.

## Сидқиё кӯр карда, ба асирӣ бурда шуд.

# 39

1 •Дар соли нӯҳуми Сидқиё подшоҳи Яҳудо, дар моҳи даҳум,
Набукаднесар подшоҳи Бобил ва тамоми лашкари ӯ назди
Ерусалим омада, онро муҳосира карданд+.
2 Дар соли ёздаҳуми Сидқиё, дар моҳи чорум, дар рӯзи нӯҳуми
моҳ, ҳисори шаҳр рахна карда шуд+.
3 Ва ҳамаи мирони подшоҳи Бобил омада, дар дарвозаи миёна
ҷойгир шуданд, чунончи: Нерҷал Саръэсер, Самҷар-Небу, сардори
хоҷасароён Сарсеким, сардори маҷусиён Нерҷал Саръэсер ва ҳамаи
мирони дигари подшоҳи Бобил.
4 Ва ҳангоме ки Сидқиё подшоҳи Яҳудо ва ҳамаи ҷанговарон
онҳоро диданд, гурехта, бо роҳи боғи подшоҳ аз дарвозае ки дар
миёни ду ҳисор буд, шабона аз шаҳр берун рафтанд; ва ӯ ба роҳи
биёбон баромад.
5 Ва лашкари калдониён онҳоро таъқиб карданд; ва дар ҷӯли
Ериҳӯ ба Сидқиё расида гирифтанд; ва ӯро дастгир намуда, назди
Набукаднесар подшоҳи Бобил ба Рибло, ки дар замини Ҳамот аст,
оварданд; ва дар ҳаққи ӯ ҳукми худро эълон кард+.
6 Ва подшоҳи Бобил писарони Сидқиёро дар Рибло дар пеши
назари ӯ қатл кард; ва ҳамаи мирони Яҳудоро подшоҳи Бобил ба қатл
расонид;
7 Ва чашмони Сидқиёро кӯр кард; ва ӯро занҷирбанд намуд, то ки
ӯро ба Бобил барад+.
8 Ва хонаи подшоҳ ва хонаҳои қавмро калдониён ба оташ
сӯзониданд, ва ҳисорҳои Ерусалимро хароб карданд+.
9 Ва бақияи қавмро, ки дар шаҳр монда буданд, ва гурезпоёнро, ки
ба тарафи ӯ гузашта буданд, ва бақияи қавмро, ки монда буданд,
сардори посбонони шахсии ӯ — Набузаръадон — ба Бобил ба асирӣ
бурд+.
10 Вале бенавоёни қавмро, ки ҳеҷ чиз надоштанд, сардори
посбонон Набузаръадон дар замини Яҳудо вогузошт, ва ҳамон рӯз ба
онҳо токзорҳо ва киштзорҳо дод.

[11] Ва дар бораи Ирмиё Набукаднесар подшоҳи Бобил ба сардори
посбонон Набузаръадон амр фармуда, гуфт:
[12] «Ӯро бигир, ва бар ӯ назари некӯ бикун, ва ба ӯ ҳеҷ осебе
нарасон, балки ҳар чи ба ту бигӯяд, барояш ба амал овар».
[13] Ва сардори посбонон Набузаръадон, ва сардори хоҷасароён
Набушазбон, ва сардори маҷусиён Нерҷал Саръэсер, ва тамоми
акобири подшоҳи Бобил кас фиристоданд,
[14] Ва фиристода, Ирмиёро аз саҳни посгоҳ гирифтанд, ва ӯро ба
Ҷадальё ибни Аҳиқом ибни Шофон супурданд, то ки ба хонааш барад;
ва ӯ дар миёни қавм сокин шуд+.
[15] Ва бар Ирмиё, ҳангоме ки ӯ дар саҳни посгоҳ маҳбус буд,
каломи Худованд нозил шуда, гуфт:+
[16] «Бирав ва ба Абдумалики Ҳабашӣ бигӯй: „Худованди лашкарҳо,
Худои Исроил чунин мегӯяд: инак, Ман суханони Худро дар бораи ин
шаҳр ба бадӣ иҷро менамоям ва на ба некӣ; ва онҳо дар он рӯз дар
пеши назари ту ба амал хоҳад омад;+
[17] Вале туро дар он рӯз раҳо хоҳам кард, — мегӯяд Худованд, — ва
ба дасти касоне ки ту аз онҳо метарсӣ, супурда нахоҳӣ шуд,+
[18] Зеро ки туро ҳатман халосӣ хоҳам дод, ва ту ба дами шамшер
нахоҳӣ афтод, ва ҷонат барои ту ғанимат хоҳад гардид, чунки ту ба
Ман таваккал кардӣ, — мегӯяд Худованд“»+.

## Ирмиё дар Яҳудо назди Ҷадальёи волӣ мемонад.

40 [1]Каломе ки бар Ирмиё аз ҷониби Худованд нозил шуд, баъд
аз он ки сардори посбонон Набузаръадон ӯро аз Ромо озод кард,
ҳангоме ки ӯро дар ҳолате гирифт, ки дар миёни ҳамаи асирони
Ерусалим ва Яҳудо, ки ба Бобил ронда мешуданд, бо занҷирҳо баста
шуда буд+.
[2]Ва сардори посбонон Ирмиёро гирифта, ба ӯ гуфт: «Худованд
Худои ту ин мусибатро дар бораи ин макон баён намудааст,+
[3]Ва Худованд онро оварда, гуфтаи Худро иҷро кардааст, чунки
шумо ба ҳузури Худованд гуноҳ кардаед ва ба овози Ӯ гӯш надодаед,
ба ин сабаб ин мусибат бар шумо омадааст+.
[4]Пас инак, ман туро имрӯз аз занҷирҳое ки бар дастҳои туст, озод
мекунам: агар хоҳӣ, ки бо ман ба Бобил биёӣ, — биё, ва ман дар
ҳаққи ту ғамхорӣ хоҳам кард; ва агар нахоҳӣ, ки бо ман ба Бобил
биёӣ, ин ҷо бимон. Инак, тамоми замин пеши туст: ҳар куҷо, ки
бихоҳӣ, ва ҳар куҷо, ки ба ту маъқул бошад биравӣ, — ба он ҷо
бирав».
[5]Ва ҳанӯз ӯ ҷавобе нагардонда буд, ки вай гуфт: «Назди Ҷадальё
ибни Аҳиқом ибни Шофон, ки ӯро подшоҳи Бобил бар шаҳрҳои Яҳудо
волӣ таъин намудааст, баргард ва бо ӯ дар миёни қавм сокин шав, ё
ҳар куҷо, ки ба ту маъқул бошад биравӣ, — бирав». Ва сардори
посбонон ба ӯ хӯрокворӣ ва инъом дода, ӯро ҷавоб дод+.
[6]Ва Ирмиё назди Ҷадальё ибни Аҳиқом ба Мисфо омада, бо ӯ дар
миёни қавме ки дар мамлакат боқӣ монда буданд, сокин шуд+.

[7]•Ва чун ҳамаи лашкарбошиҳое ки дар саҳро буданд, — худашон
ва одамонашон, — шуниданд, ки подшоҳи Бобил Ҷадальё ибни
Аҳиқомро дар мамлакат волӣ таъин намудааст, ва мардону занону
кӯдакон, яъне бенавоёни мамлакатро аз байни онҳое ки ба Бобил
бурда нашудаанд, ба ӯ супурдааст, —+
[8]Онҳо назди Ҷадальё ба Мисфо омаданд, чунончи: Исмоил ибни
Натаньё, ва Йӯҳонон ва Йӯнотон писарони Қореаҳ, ва Сароё ибни
Танҳумет, ва писарони Эйфои Натӯфотӣ, ва Езаньё ибни Маахотӣ, —
худашон ва одамонашон+.

[9] Ва Ҷадальё ибни Аҳиқом ибни Шофон ба онҳо ва одамонашон
қасам хӯрда гуфт: «Аз бандагӣ кардан ба калдониён натарсед, дар
замин сокин шавед, ва ба подшоҳи Бобил бандагӣ намоед, ва барои
шумо хуб хоҳад шуд;
[10] Ва ман инак дар Мисфо хоҳам буд, то ба ҳузури калдониёне ки
назди мо меоянд, биистам; вале шумо шароб ва меваҷот ва равған
ҷамъ оварда, дар зарфҳои худ захира кунед, ва дар шаҳрҳои худ, ки
онҳоро ишғол намудаед, сокин шавед».
[11] Ва чун ҳамаи яҳудиёне ки дар Мӯоб ва дар миёни банӣ-Аммӯн
ва дар Адӯм ва дар ҳамаи кишварҳо буданд, шуниданд, ки подшоҳи
Бобил як қисми Яҳудоро вогузоштааст ва бар онҳо Ҷадальё ибни
Аҳиқом ибни Шофонро волӣ таъин намудааст,
[12] Ҳамаи яҳудиён аз ҳамаи маконҳое ки пароканда шуда буданд,
баргаштанд ва ба замини Яҳудо назди Ҷадальё ба Мисфо омаданд, ва
шароб ва меваҷоти бағоят зиёде ҷамъ оварданд.
[13] Ва Йӯҳонон ибни Қореаҳ ва ҳамаи лашкарбошиҳое ки дар саҳро
буданд, назди Ҷадальё ба Мисфо омаданд,+
[14] Ва ба ӯ гуфтанд: «Оё ту медонӣ, ки Баалис подшоҳи банӣ-Аммӯн
Исмоил ибни Натаньёро фиристодааст, то ки туро бикушад?» Вале
Ҷадальё ибни Аҳиқом ба гапи онҳо бовар накард.
[15] Ва Йӯҳонон ибни Қореаҳ ба Ҷадальё дар Мисфо ба таври ниҳонӣ
сухан ронда, гуфт: «Лутфан, маро бигзор, ки рафта, Исмоил ибни
Натаньёро бикушам, ва касе хабардор нахоҳад шуд; чаро ӯ туро
бикушад, ва ҳамаи яҳудиёне ки назди ту ҷамъ омадаанд, пароканда
шаванд, ва бақияи Яҳудо талаф гардад?»
[16] Валекин Ҷадальё ибни Аҳиқом ба Йӯҳонон ибни Қореаҳ гуфт:
«Ин корро накун, зеро ки ту дар бораи Исмоил дурӯғ мегӯӣ».

## Нубуввати Ирмиё барои онҳое ки дар Яҳудо монда буданд.

# 41

1 Ва дар моҳи ҳафтум воқеъ шуд, ки Исмоил ибни Натаньё
ибни Элишомоъ, ки аз насли шоҳон ва аз акобири подшоҳ буд,
ва ҳамроҳаш даҳ одам назди Ҷадальё ибни Аҳиқом ба Мисфо
омаданд, ва дар ин ҷо дар Мисфо бо ҳам нон хӯрданд+.
2 Ва Исмоил ибни Натаньё бархост, ва он даҳ нафар, ки ҳамроҳаш
буданд, Ҷадальё ибни Аҳиқом ибни Шофонро бо шамшер заданд; ва
ӯро, ки подшоҳи Бобил бар мамлакат волӣ таъин карда буд, кушт+.
3 Ва Исмоил ҳамаи яҳудиёнеро, ки бо ӯ, яъне бо Ҷадальё, дар
Мисфо буданд, ва ҷанговарони калдониро, ки дар он ҷо ёфт шуданд,
кушт.
4 Ва дар рӯзи дуюм, баъд аз он ки Ҷадальё кушта шуда буд, ва ҳеҷ
кас аз ин хабар надошт,
5 Ҳаштод нафар одамони ришҳошон тарошида, либосҳошон
чокзада ва баданҳошон харошида аз Шакем, Шилӯ ва Сомария
омаданд, ва дар дасташон ҳадияҳо ва лебӯно буд, ки онро мехостанд
ба хонаи Худованд биёранд+.
6 Ва Исмоил ибни Натаньё аз Мисфо ба пешвози онҳо баромад, дар
ҳолате ки роҳ мерафт ва мегирист; ва ҳангоме ки бо онҳо вохӯрд, ба
онҳо гуфт: «Назди Ҷадальё ибни Аҳиқом биравед».
7 Ва ҳамин ки онҳо андаруни шаҳр дохил шуданд, Исмоил ибни
Натаньё ва одамоне ки ҳамроҳи ӯ буданд, онҳоро кушта, ба даруни
чоҳ андохтанд.
8 Вале дар миёни онҳо даҳ нафар ёфт шуданд, ки ба Исмоил
гуфтанд: «Моро накуш, зеро ки мо дар саҳро захираҳои ниҳонии
гандум, ва ҷав, ва равған, ва асал дорем». Ва ӯ онҳоро вогузошта, дар
миёни бародаронашон накушт.
9 Ва чоҳе ки Исмоил ҳамаи ҷасадҳои одамони аз барои Ҷадальё
куштаи худро дар он андохт, ҳамон буд, ки подшоҳ Осо аз тарси
Баъшо подшоҳи Исроил сохта буд; онро Исмоил ибни Натаньё аз
кушташудагон пур кард+.
10 Ва Исмоил тамоми бақияи қавмро, ки дар Мисфо буданд:
духтарони подшоҳ ва тамоми қавмеро, ки дар Мисфо боқӣ монда
буданд, ва сардори посбонон Набузаръадон онҳоро ба Ҷадальё ибни
Аҳиқом супурда буд, ба асирӣ гирифт, ва Исмоил ибни Натаньё

онҳоро ба асирӣ гирифта, равона шуд, то ки ба тарафи банӣ-Аммӯн
бигзарад.
11 Валекин Йӯҳонон ибни Қореаҳ ва ҳамаи лашкарбошиҳое ки бо ӯ
буданд, аз тамоми шароратe ки Исмоил ибни Натаньё ба амал оварда
буд, хабар ёфтанд,+
12 Ва ҳамаи одамони худро гирифта, равона шуданд, то ки ба
муқобили Исмоил ибни Натаньё ҷанг кунанд; ва ӯро назди обанбори
бузурге ки дар Ҷибъӯн аст, ёфтанд+.
13 Ва чун тамоми қавме ки бо Исмоил буданд, Йӯҳонон ибни
Қореаҳ ва ҳамаи лашкарбошиҳои бо ӯ бударо диданд, шод шуданд;
14 Ва тамоми қавме ки Исмоил аз Мисфо ба асирӣ гирифта буд, аз
вай рӯй гардонда баргаштанд ва назди Йӯҳонон ибни Қореаҳ
омаданд.
15 Ва Исмоил ибни Натаньё бо ҳашт нафар аз дасти Йӯҳонон ибни
Қореаҳ гурехта, назди банӣ-Аммӯн рафт+.
16 Ва Йӯҳонон ибни Қореаҳ бо ҳамаи лашкарбошиҳое ки бо ӯ
буданд, тамоми бақияи қавмро, ки аз дасти Исмоил ибни Натаньё аз
Мисфо баъд аз қатли Ҷадальё ибни Аҳиқом озод карда буд, гирифт,
яъне мардон, ҷанговарон ва занон ва кӯдакон ва хоҷасароёнро, ки
дар Ҷибъӯн озод карда буд,
17 Ва онҳо рафта, дар деҳаи Кимҳом, ки дар наздикии Байт-Лаҳм
аст, манзил гирифтанд, то ки ба Миср бираванд
18 Аз дасти калдониён, чунки аз онҳо метарсиданд, зеро Исмоил
ибни Натаньё Ҷадальё ибни Аҳиқомро, ки подшоҳи Бобил ӯро бар
мамлакат волӣ таъин намуда буд, кушта буд.

## Ирмиё ба Йӯҳонон ва дигарон ба Миср рафтанро манъ мекунад.

**42** 1 Ва ҳамаи лашкарбошиҳо, ва Йӯҳонон ибни Қореаҳ, ва Езаньё ибни Ҳӯшаъё, ва тамоми қавм аз хурд то калон пеш омаданд+

2 Ва ба Ирмиёи набӣ гуфтанд: «Бигзор истиғосаи мо ба ҳузури ту мақбул афтад, ва ту барои мо, барои тамоми ин бақия назди Худованд Худои худ дуо гӯй, зеро ки мо каме аз бисьёр боқӣ мондаем, чунон ки чашмонат моро мебинад;+

3 Ва бигзор Худованд Худои ту роҳеро, ки бояд бо он биравем, ва кореро, ки бояд бикунем, ба мо нишон диҳад».

4 Ва Ирмиёи набӣ ба онҳо гуфт: «Шунидам; инак, ман назди Худованд Худои шумо бар тибқи гуфтори шумо дуо хоҳам гуфт, ва ҳар чи Худованд дар ҷавоби шумо бигӯяд, ба шумо эълон хоҳам намуд, ва ҳеҷ чизе аз шумо пинҳон нахоҳам дошт».

5 Ва онҳо ба Ирмиё гуфтанд: «Бигзор Худованд дар миёни мо шоҳиди рост ва амин бошад, ки мо бар тибқи ҳар он чи Худованд Худои ту ба воситаи ту назди мо бифиристад, амал хоҳем кард:+

6 Хоҳ некӯ бошад ва хоҳ бад, лекин ба овози Худованд Худои мо, ки мо туро назди Ӯ мефиристем, гӯш хоҳем дод, то ки барои мо некӯ бишавад, вақте ки ба овози Худованд Худои мо гӯш диҳем»+.

7 Ва пас аз даҳ рӯз воқеъ шуд, ки каломи Худованд бар Ирмиё нозил шуд.

8 Ва ӯ Йӯҳонон ибни Қореаҳ ва ҳамаи лашкарбошиҳое ки бо ӯ буданд, ва тамоми қавмро аз хурд то калон даъват намуд,

9 Ва ба онҳо гуфт: «Худованд, Худои Исроил, ки маро назди Ӯ фиристодед, то истиғосаи шуморо ба Ӯ бирасонам, чунин мегӯяд:

10 Агар шумо дар ин замин бимонед, Ман шуморо бино намуда, хароб нахоҳам кард, ва шуморо мисли ниҳоле шинонда, решакан нахоҳам кард, зеро аз мусибате ки бар шумо овардам, таассуф менамоям+.

11 Аз подшоҳи Бобил, ки аз ӯ бим доред, натарсед; аз ӯ наҳаросед, — мегӯяд Худованд, — зеро ки Ман бо шумо ҳастам, то ки шуморо наҷот диҳам ва шуморо аз дасти ӯ раҳо намоям.

12 Ва Ман ба шумо раҳм хоҳам кард, то ки ӯ ба шумо марҳамат
намояд, ва шуморо ба заминатон баргардонад.
13 Вале агар шумо гӯед: „Дар ин замин нахоҳем монд“, ва ба овози
Худованд Худои худ гӯш надода,
14 Бигӯед: „Не, мо ба замини Миср хоҳем рафт, ки дар он ҷо рӯи
ҷангро нахоҳем дид, ва садои шохро нахоҳем шунид, ва аз қаҳтии
нон азоб нахоҳем кашид, ва дар он ҷо хоҳем зист“, —+
15 Пас бинобар ин акнун, эй бақияи Яҳудо, каломи Худовандро
бишнавед: Худованди лашкарҳо, Худои Исроил чунин мегӯяд: агар
шумо ба рафтан ба Миср азм дошта бошед, ва рафта дар он ҷо сокин
мешуда бошед,
16 Пас шамшере ки шумо аз он метарсед, он ҷо, дар замини Миср,
шуморо хоҳад ёфт, ва қаҳтие ки шумо аз он хавотир доред, он ҷо, дар
Миср, шуморо таъқиб хоҳад кард, ва дар он ҷо хоҳед мурд+.
17 Ва ҳамаи одамоне ки ба рафтан ба Миср азм доранд, то ки дар
он ҷо сокин шаванд, аз шамшер, қаҳтӣ ва вабо хоҳанд мурд, ва ҳеҷ
яке аз онҳо аз мусибате ки Ман бар онҳо хоҳам овард, боқӣ нахоҳад
монд ва раҳо нахоҳад шуд.
18 Зеро ки Худованди лашкарҳо, Худои Исроил чунин мегӯяд:
чунон ки хашми Ман ва ғазаби Ман бар сокинони Ерусалим фурӯ
рехтааст, ончунон хашми Ман бар шумо, вақте ки ба Миср оед, фурӯ
хоҳад рехт, ва шумо мавриди лаънат ва даҳшат ва нафрин ва нанг
хоҳед шуд, ва ин маконро дигар нахоҳед дид.
19 Худованд дар бораи шумо, эй бақияи Яҳудо, гуфт: „Ба Миср
наравед! Яқин бидонед, ки Ман имрӯз шуморо таъкид намудам“.
20 Зеро шумо ҷонҳои худро дар иштибоҳ андохтед: шумо маро
назди Худованд Худои худ фиристода, гуфтед: „Барои мо назди
Худованд Худои мо дуо гӯй, ва ҳар чи Худованд Худои мо бигӯяд, ба
мо эълон намо, ва мо бар тибқи он амал хоҳем кард“.
21 Ва ман имрӯз ба шумо эълон намудам, вале шумо ба овози
Худованд Худои худ ва ба ҳар чи Ӯ ба воситаи ман ба шумо фиристод,
гӯш надодед.
22 Пас акнун бидонед, ки шумо дар макone ки мехоҳед биравед ва
дар он ҷо сокин шавед, аз шамшер, қаҳтӣ ва вабо хоҳед мурд».

## Ирмиё бо зӯрӣ ба Миср бурда шуд.

**43** [1] Ва чун Ирмиё ба тамоми қавм гуфтани ҳамаи суханони
Худованд Худои онҳоро, ки ба воситаи ӯ Худованд Худои онҳо
ба онҳо фиристода буд, яъне гуфтани ҳамаи он суханонро ба анҷом
расонид,
[2] Он гоҳ Азарьё ибни Ҳӯшаъё, ва Йӯҳонон ибни Қореаҳ ва ҳамаи
одамони густох ба Ирмиё гуфтанд: «Ту дурӯғ мегӯӣ; Худованд Худои
мо туро нафиристодааст, ки бигӯӣ: „Ба Миср наравед, то ки дар он ҷо
сокин шавед“;+
[3] Балки Борух ибни Нериё туро ба муқобили мо иғво андохтаахт,
то ки моро ба дасти калдониён таслим намоӣ, ва онҳо моро
бикушанд, ва моро ба Бобил ба асирӣ бибаранд»+.
[4] Пас Йӯҳонон ибни Қореаҳ, ва ҳамаи лашкарбошиҳо, ва тамоми
қавм ба овози Худованд гӯш надоданд, то ки дар замини Яҳудо
бимонанд,
[5] Балки Йӯҳонон ибни Қореаҳ ва ҳамаи лашкарбошиҳо тамоми
бақияи Яҳудоро, ки аз миёни ҳамаи халқҳое ки дар байнашон
пароканда шуда буданд, баргашта, дар замини Яҳудо сокин шуда
буданд,
[6] Яъне мардон ва занон ва кӯдакон ва духтарони подшоҳ ва ҳамаи
онҳоеро, ки сардори посбонон Набузаръадон назди Ҷадальё ибни
Аҳиқом ибни Шофон боқӣ гузошта буд, ва Ирмиёи набӣ ва Борух
ибни Нериёро гирифтанд,+
[7] Ва ба замини Миср рафтанд, зеро ки ба овози Худованд гӯш
надоданд; ва ба Таҳфанҳес расиданд+.

## Масал дар бораи сангҳои пинҳон.

[8] Ва каломи Худованд дар Таҳфанҳес бар Ирмиё нозил шуда, гуфт:
[9] «Ба дасти худ сангҳои калоне бигир, ва онҳоро дар гили
хиштрезӣ, ки назди дарвозаи хонаи фиръавн дар Таҳфанҳес аст, дар
пеши назари мардуми яҳудӣ пинҳон кун,
[10] Ва ба онҳо бигӯй: Худованди лашкарҳо, Худои Исроил чунин
мегӯяд: инак, Ман фиристода, бандаи Худ Набукаднесар подшоҳи
Бобилро хоҳам гирифт, ва тахти ӯро бар ин сангҳое ки Ман пинҳон

кардаам, хоҳам гузошт, ва ӯ саропардаи худро бар онҳо хоҳад
барафрошт;+
[11] Ва омада, замини Мисрро зарба хоҳад зад: он ки маҳкум ба марг
аст — ба марг, ва он ки маҳкум ба асирист — ба асирӣ, ва он ки
маҳкум ба шамшер аст — ба шамшер дучор хоҳад шуд+.
[12] Ва дар хонаҳои худоёни Миср оташ хоҳам зад, ва ӯ онҳоро хоҳад
сӯзонид ва ба асирӣ хоҳад бурд, ва ғанимати замини Мисрро дар бар
хоҳад кард, чунон ки чӯпон либоси худро дар бар мекунад, ва аз он
ҷо ба саломатӣ берун хоҳад рафт+.
[13] Ва сутунҳои Байт-Шамсро, ки дар замини Миср аст, хароб хоҳад
кард, ва хонаҳои худоёни Мисрро ба оташ хоҳад сӯзонид».

## Мурочиат ба онҳое ки дар Миср сокин шудаанд.

**44** [1] Каломе ки дар бораи ҳамаи яхудиёне ки дар замини Миср
сукунат доштанд, яъне дар Миҷдӯл ва Таҳфанҳес ва Нӯф ва
замини Патрӯс сокин буданд, бар Ирмиё нозил шуда, гуфт:+
[2] «Худованди лашкарҳо, Худои Исроил чунин мегӯяд: шумо
тамоми мусибатеро, ки Ман бар Ерусалим ва бар ҳамаи шаҳрҳои
Яҳудо овардам, дидед; ва инак, имрӯз хароб шудааст, ва сокине дар
онҳо нест,
[3] Аз сабаби шарорате ки онҳо ба амал оварданд, то Маро ба ғазаб
оваранд, яъне рафта, барои худоёни дигар бухур сӯзониданд ва
ибодат карданд, ки онҳоро на худашон мешинохтанд, на шумо ва на
падарони шумо+.
[4] Ва Ман ҳамаи бандагони Худ — анбиёро назди шумо
фиристодам, ҳар рӯз аз субҳидам фиристода, гуфтам: „Ин кори
зиштро, ки Ман аз он нафрат дорам, накунед“+.
[5] Вале онҳо нашниданд ва гӯши худро хам накарданд, то ки аз
шарорати худ баргарданд ва барои худоёни дигар бухур насӯзонанд.
[6] Ва хашми Ман ва ғазаби Ман фурӯ рехта, дар шаҳрҳои Яҳудо ва
кӯчаҳои Ерусалим аланга зад, ва онҳо вайрону валангор гардид,
чунон ки имрӯз аст.
[7] Ва акнун Худованд, Худои лашкарҳо, Худои Исроил чунин
мегӯяд: чаро шумо шарорати азиме бар ҷонҳои худ ба амал
меоваред, то ки дар миёни худ мард ва зан, кӯдак ва ширмакро аз
Яҳудо талаф намоед, ва аз худ бақияе боқӣ нагузоред,
[8] Дар ҳолате ки Маро бо аъмоли дастҳои худ ба ғазаб оварда, дар
замини Миср, ки барои сукунат ба он ҷо омадаед, барои худоёни
дигар бухур месӯзонед, то ки худро талаф намоед ва дар миёни
ҳамаи халқҳои замин мавриди лаънат ва нанг гардед?
[9] Оё шароратҳои падарони худ ва шароратҳои подшоҳони Яҳудо ва
шароратҳои занони онҳо ва шароратҳои худ ва шароратҳои занони
худро, ки дар замини Яҳудо ва дар кӯчаҳои Ерусалим ба амал
оварданд, фаромӯш кардаед+?
[10] Онҳо то имрӯз гардан нафуровардаанд, ва натарсидаанд, ва бар
тибқи шариати Ман ва фароизи Ман, ки пеши шумо ва пеши
падарони шумо ниҳодаам, рафтор намекунанд.

[11] Бинобар ин Худованди лашкарҳо, Худои Исроил чунин мегӯяд:
инак, Ман рӯи Худро ба муқобили шумо барои ҳалокат мегардонам,
то ки тамоми Яҳудоро талаф намоям;
[12] Ва бақияи Яҳудоро, ки азм доранд ба замини Миср омада, дар он
ҷо сокин шаванд, хоҳам гирифт, ва ҳамаи онҳо ба ҳалокат хоҳанд
расид, дар замини Миср фурӯ хоҳанд ғалтид, аз шамшер ва қаҳтӣ
талаф хоҳанд шуд, аз хурд то калон аз шамшер ва қаҳтӣ хоҳанд мурд,
ва мавриди лаънат ва даҳшат ва нафрин ва нанг хоҳанд гардид+.
[13] Ва чунон ки Ерусалимро ҷазо додам, ончунон онҳоеро, ки дар
замини Миср сокин шудаанд, бо шамшер, қаҳтӣ ва вабо ҷазо хоҳам
дод+.
[14] Ва аз бақияи Яҳудо, ки ба замини Миср меоянд, то дар он ҷо
сокин шаванд, ҳеҷ яке боқӣ нахоҳад монд ва раҳо нахоҳад шуд, то ба
замини Яҳудо баргардад, ба замине ки ҷонашон орзуманди
баргаштан ва дар он ҷо сокин шудан аст; зеро ҳеҷ яке нахоҳад
баргашт, ғайр аз онҳое ки хоҳанд гурехт».
[15] Ва ҳамаи мардоне ки медонистанд, ки занҳошон барои худоёни
дигар бухур месӯзонанд, ва ҳамаи заноне ки бо издиҳоми бузурге
истода буданд, ва тамоми қавме ки дар замини Миср, дар Патрӯс
сокин буданд, ба Ирмиё ҷавоб дода, гуфтанд:
[16] «Каломеро, ки ту ба исми Худованд ба мо гуфтӣ, аз ту нахоҳем
шунид,+
[17] Балки ҳар чиро, ки аз даҳони мо баромадааст, ҳатман ба ҷо
хоҳем овард: барои маликаи осмон бухур хоҳем сӯзонид ва ҳадияҳои
рехтанӣ барои вай хоҳем рехт, чунон ки мо ва падарони мо,
подшоҳони мо ва мирони мо дар шаҳрҳои Яҳудо ва дар кӯчаҳои
Ерусалим мекардем; ва мо серона нон мехӯрдем, ва хушбахт будем,
ва мусибате надидаем+.
[18] Вале аз замоне ки аз бухур сӯзонидан барои маликаи осмон ва
аз рехтани ҳадияҳои рехтанӣ барои вай даст кашидем, мӯҳтоҷи ҳама
чиз гаштем, ва аз шамшер ва қаҳтӣ талаф мешавем.
[19] Ва ҳангоме ки мо барои маликаи осмон бухур месӯзонидем ва
ҳадияҳои рехтанӣ барои вай мерехтем, оё бе розигии шавҳарони худ
мо барои вай санбӯсаҳо бо тасвири вай мепухтем ва ҳадияҳои
рехтанӣ барои вай мерехтем?»

20 Ва Ирмиё ба тамоми қавм, ба мардон ва занон ва тамоми қавме
ки ба ӯ чунин ҷавоб гардонданд, гуфт:
21 «Оё ҳамон бухуре набуд, ки шумо дар шаҳрҳои Яҳудо ва дар
кӯчаҳои Ерусалим сӯзондед, — шумо ва падарони шумо, подшоҳони
шумо ва мирони шумо ва қавми мамлакат? Онро Худованд ба ёд
овард ва ба дили худ гирифт.
22 Ва Худованд дигар натавонист ба аъмоли бади шумо ва ба
корҳои зиште ки кардед, тоқат оварад; ва замини шумо харобазор
шуда, мавриди даҳшат ва лаънат ва ғайримаскун гардид, чунон ки
имрӯз аст+.
23 Азбаски шумо бухур сӯзондед ва пеши Худованд гуноҳ кардед,
ва ба овози Худованд гӯш надодед, ва бар тибқи шариати Ӯ ва
фароизи Ӯ ва шаҳодоти Ӯ рафтор накардед, бинобар ин бар шумо ин
мусибат омад, чунон ки имрӯз аст»+.
24 Ва Ирмиё ба тамоми қавм ва ба ҳамаи занон гуфт: «Каломи
Худовандро бишнавед, эй тамоми Яҳудо, ки дар замини Миср
мебошед!
25 Худованди лашкарҳо, Худои Исроил чунин мегӯяд: шумо ва
занони шумо он чи бо даҳони худ гуфтаед, бо дастҳои худ ба ҷо
меоваред ва мегӯед: „Назрҳоеро, ки кардаем, албатта ба ҷо оварда,
барои маликаи осмон бухур хоҳем сӯзонид ва ҳадияҳои рехтанӣ
барои вай хоҳем рехт“; шумо назрҳои худро албатта иҷро хоҳед кард,
ва ба назрҳои худ вафо хоҳед намуд.
26 Бинобар ин каломи Худовандро бишнавед, эй тамоми Яҳудо, ки
дар замини Миср сокин ҳастед: инак, Ман ба исми бузурги Худ қасам
хӯрдаам, — мегӯяд Худованд, — ки исми Ман дигар ба даҳони ҳеҷ як
марди Яҳудо дар тамоми замини Миср оварда нахоҳад шуд ва
нахоҳанд гуфт: „Қасам ба ҳаёти Худованд Худо!“
27 Инак, Ман бар онҳо ба бадӣ назар хоҳам кард, ва на ба некӣ; ва
ҳамаи мардони Яҳудо, ки дар замини Миср мебошанд, аз шамшер ва
қаҳтӣ нобуд хоҳанд шуд, то даме ки тамоман талаф гарданд+.
28 Фақат адади каме аз шамшер раҳо шуда, аз замини Миср ба
замини Яҳудо хоҳанд баргашт, ва тамоми бақияи Яҳудо, ки ба
замини Миср омадаанд, то дар он ҷо сокин шаванд, хоҳанд донист,
ки каломи кӣ ба амал хоҳад омад: аз они Ман ё аз они онҳо+.

29 Ва ин аст аломат барои шумо, — мегӯяд Худованд, — ки Ман
шуморо дар ин макон ҷазо хоҳам дод, то бидонед, ки суханони Ман
дар ҳаққи шумо ба бадӣ ба амал хоҳад омад.
30 Худованд чунин мегӯяд: инак, Ман фиръавн Ҳофраъ — подшоҳи
Мисрро ба дасти душманони ӯ ва ба дасти толибони ҷони ӯ хоҳам
супурд, чунон ки Сидқиёи подшоҳи Яҳудоро ба дасти Набукаднесар
подшоҳи Бобил, ки душмани ӯ ва толиби ҷони ӯ буд, супурдаам»+.

## Ирмиё Борухро тасаллӣ медиҳад.

**45** [1] Каломе ки Ирмиёи набӣ ба Борух ибни Нериё гуфт, вақте
ки ӯ ин суханонро аз даҳони Ирмиё дар соли чоруми Еҳӯёқим
ибни Йӯшиё подшоҳи Яҳудо дар тӯмори китобат менавишт:+
[2] «Худованд, Худои Исроил дар ҳаққи ту, эй Борух, чунин
мегӯяд:+
[3] Ту гуфтаӣ: „Вой бар ман! Зеро ки Худованд бар дарди ман андӯҳе
зам кардааст; аз оҳу воҳи худ лакот шудаам, ва оромӣ наёфтаам“.
[4] Ба ӯ чунин бигӯй: Худованд чунин мегӯяд: инак, он чи бино
кардаам, Ман хароб менамоям, ва он чи мисли ниҳол шинондаам,
Ман решакан мекунам, — ва тамоми замин чунин хоҳад шуд.
[5] Ва оё ту барои худ чизҳои бузург талаб мекунӣ? Талаб накун;
зеро инак, Ман бар тамоми башар мусибат хоҳам овард, — мегӯяд
Худованд, — вале ҷони туро дар ҳар маконе ки биравӣ, барои ту
ғанимат хоҳам гузошт»+.

## Нубуввати Ирмиё дар бораи халқҳои бутпараст.

46 [1] Каломи Худованд, ки бар Ирмиёи набӣ дар бораи халқҳо
нозил шуд:+

### 1. Дар бораи Миср.

[2] Дар бораи Миср, дар бораи лашкари фиръавн Накӯҳ — подшоҳи
Миср, ки назди наҳри Фурот дар Каркамиш буданд, ва Набукаднесар
подшоҳи Бобил дар соли чоруми Еҳӯёқим ибни Йӯшиё подшоҳи
Яҳудо онҳоро шикаст дод+.
[3] «Сипар ва зиреҳро муҳайё намуда,
барои ҷанг пеш оед,
[4] Аспонро зин карда, савор шавед, эй саворон!
Ва дар хӯдҳо ҳозир бошед,
найзаҳоро тез кунед, ҷавшанҳоро бипӯшед.
[5] Чаро онҳоро мебинам, ки ба ҳарос афтода,
қафо мегарданд?
Ва баҳодурони онҳо ба шикаст дучор мешаванд
ва ба ақиб нигоҳ накарда мегурезанд:
даҳшат аз ҳар тараф пайдост, — мегӯяд Худованд+.
[6] Тезрав нахоҳад гурехт, ва баҳодур раҳо нахоҳад шуд:
дар шимол, назди наҳри Фурот пешпо хӯрда,
фурӯ хоҳанд ғалтид.
[7] Ин кист, ки мисли дарьё обхез мешавад,
ва обҳояш мисли наҳрҳо талотум мекунад?
[8] Миср мисли дарьё обхез мешавад,
ва обҳояш мисли наҳрҳо талотум мекунад, ва мегӯяд:
„Ман обхез шуда, заминро зер хоҳам кард,
шаҳр ва сокинонашро ба ҳалокат хоҳам расонид“.
[9] Ҷастухез намоед, эй аспон!
Ва тунд бидавед, эй аробаҳо!
Ва берун биравед, эй баҳодурон, эй Ҳабаш ва Фут, ки сипардоронед,
ва эй лудиён, ки камондоронед!
[10] Вале он рӯз барои Худованд Худои лашкарҳо рӯзи интиқом хоҳад
буд,
то ки аз душманони Худ интиқом гирад;

ва шамшер онҳоро хӯрда сер хоҳад шуд
ва аз хунашон маст хоҳад гардид,
зеро ки барои Худованд Худои лашкарҳо дар замини шимолӣ,
назди наҳри Фурот қурбонӣ оварда мешавад+.
11 Ба Ҷилъод баромада, баласон бигир,
эй духтари бокираи Миср!
Давоҳоро беҳуда зиёд мекунӣ: шифое барои ту нест+.
12 Халқҳо расвоии туро шунидаанд,
ва замин аз фиғони ту пур шудааст;
зеро ки баҳодур ба баҳодур дучор омадааст,
ва ҳар ду якҷоя фурӯ ғалтидаанд»+.
13 Каломе ки Худованд дар бораи омадани Набукаднесар подшоҳи
Бобил барои мағлуб кардани замини Миср ба Ирмиёи набӣ гуфт:
14 «Дар Миср эълон намоед ва дар Миҷдӯл хабар диҳед,
ва дар Нӯф ва Таҳфанҳес хабар диҳед; бигӯед:
„Бархез ва омода шав, зеро ки шамшер он чиро,
ки дар гирду пеши туст, хӯрдааст“+.
15 Чаро неруманди ту вожгун шудааст ва натавонист истодагӣ
намояд?
Зеро ки Худованд варо тела додааст.
16 Ӯ бисьёр касонро бемаҷол гардонидааст,
ба тавре ки онҳо бар ҳамдигар меафтанд ва мегӯянд:
„Бархезед, то ки аз шамшери ҳалокатовар назди қавми худ ва ба
замини зодгоҳи худ баргардем“+.
17 Дар он ҷо дод мезананд: „Фиръавн подшоҳи Миср ҳарзагӯй аст,
фурсатро аз даст додааст“+.
18 Ба ҳаёти Худам қасам ки, — мегӯяд Подшоҳе ки
исмаш Худованди лашкарҳост, —
он ки хоҳад омад, мисли Тобӯр дар миёни кӯҳҳо
ва мисли Кармил дар назди баҳр хоҳад буд+.
19 Асбоби муҳоҷират барои худ муҳайё намо,
эй духтари сокинаи Миср,
зеро ки Нӯф валангор гардида,
бодияи ғайрмаскуне хоҳад шуд+.
20 Миср ғуноҷини хушлиқост,
аммо хармагас аз шимол меояд+.

[21] Сарбозони зархариди дар миёни он буда низ
мисли гӯсолаҳои охурӣ мебошанд,
лекин онҳо низ якҷоя қафо гашта гурехтанд
ва натавонистанд истодагӣ намоянд,
зеро ки рӯзи ҳалокаташон,
замони ҷазояшон бар онҳо омадааст.
[22] Овози он мисли фишшоси мор ба гӯш мерасад;
зеро ки онҳо бо қуввате меоянд,
мисли дарахтбурҳо бо табарҳо бар он меоянд;
[23] Ҷангали онро хоҳанд бурид, — мегӯяд Худованд, —
агарчи дарахтонаш беҳадду ҳисобанд,
агарчи онҳо аз малах бештаранд,
ва сону шумор надоранд.
[24] Духтари Миср шармсор шудааст,
ба дасти қавми шимолӣ таслим гардидааст»+.
[25] Худованди лашкарҳо, Худои Исроил чунин мегӯяд: «Инак, Ман
Омӯнро, ки худои Нӯ мебошад, ва фиръавн ва Мисрро, ва худоёни он
ва подшоҳони онро, ва фиръавн ва онҳоеро, ки ба ӯ таваккал
менамоянд, гирифтори ҷазо хоҳам кард;+
[26] Ва онҳоро ба дасти толибони ҷонашон, ва ба дасти Набукаднесар
подшоҳи Бобил, ва ба дасти ғуломони вай таслим хоҳам кард; ва
баъд аз он мисли айёми пеш маскун хоҳад шуд, — мегӯяд Худованд+.
[27] Вале ту, эй бандаи Ман Яъқуб, натарс,
ва эй Исроил, ҳаросон нашав,
зеро инак, Ман туро аз ҷои дурдаст,
ва насли туро аз замини асирии онҳо наҷот хоҳам дод;
ва Яъқуб баргашта, дар амният ва осоиштагӣ хоҳад зист, ва касе ӯро
нахоҳад тарсонид+.
[28] Ту, эй бандаи Ман Яъқуб, натарс, — мегӯяд Худованд, —
зеро Ман бо ту ҳастам;
зеро Ман ҳамаи халқҳоеро,
ки дар миёнашон туро пароканда намудаам,
талаф хоҳам кард, аммо туро талаф нахоҳам кард,
балки туро аз рӯи инсоф ҷазо хоҳам дод,
вале туро тамоман беҷазо нахоҳам мононд»+.

## 2. Дар бораи замини Фалиштӣ ва Сӯр.

47 [1] Каломи Худованд дар бораи фалиштиён, ки бар Ирмиён
набӣ нозил шуд, пеш аз он ки фиръавн Ғаззаро мағлуб намояд+.
[2] Худованд чунин мегӯяд:
«Инак, обҳо аз шимол баланд шуда,
мисли наҳре обхез мешавад,
ва заминро бо ҳар чизе ки дар он аст,
ва шаҳр ва сокинони онро зер мекунад,
ва одамон фарьёд мезананд,
ва ҳамаи сокинони замин навҳа мекунанд+.
[3] Аз садои сумҳои аспони пурзӯраш,
аз тараққо-туруқи аробаҳояш
ва ғулғулаи чархҳояш
падарон ба фарзандони худ назар намекунанд,
чунки дастҳошон суст шудааст,
[4] Ба сабаби рӯзе ки фаро мерасад,
то ҳамаи фалиштиён ба толону тороҷ дучор гардида,
Сӯр ва Сидӯн аз ҳар гуна ёрмандӣ маҳрум шаванд,
зеро Худованд фалиштиёнро,
ки бақияи ҷазираи Кафтӯр мебошанд,
хонавайрон хоҳад кард+.
[5] Мардуми Ғазза мӯйсар тарошида мотам гирифтаанд,
Ашқалӯн ва бақияи водии онҳо талаф шудаанд;
то ба кай бадани худро харошида маҷрӯҳ хоҳӣ кард?
[6] Эй шамшери Худованд, то ба кай ором нахоҳӣ шуд?
Ба ғилофи худ баргашта, бозъист ва ором шав+.
[7] Аммо чӣ гуна вай ором шавад,
дар сурате ки Худованд ба вай бар зидди Ашқалӯн
ва бар зидди соҳили бахр амр фармудааст?
Варо Ӯ ба он ҷо равона кардааст»+.

## 3. Дар бораи Мӯоб.

8 [1] Дар бораи Мӯоб
Худованди лашкарҳо, Худои Исроил чунин мегӯяд:
«Эй вой бар Набӯ! Зеро ки он валангор шудааст;
Қирьётаим расво шуда, забт гардидааст;
қалъа расво шуда, шикаст хӯрдааст+.
[2] Ҷалоли Мӯоб дигар вуҷуд надорад;
дар Ҳешбӯн дар ҳаққи он бадиҳо андешидаанд:
„Биравем ва онро маҳв намоем,
то ки дигар халқ набошад“.
Ту низ, эй Мадмен, мотам хоҳӣ гирифт:
шамшер туро таъқиб хоҳад кард.
[3] Садои нола аз Ҳӯрӯнаим ба гӯш мерасад:
„Тороҷ ва шикасти азиме рӯй додааст“.
[4] Мӯоб ба шикаст дучор шудааст;
ҷавонони он доду фарьёд мекунанд.
[5] Ба фарози Луҳит гирьякунон мебароянд,
ва дар фуромадгоҳи Ҳӯрӯнаим душманон
фиғони шикастро мешунаванд+.
[6] Бигрезед, ҷонҳои худро халос кунед,
то ки онҳо мисли дарахти аръар дар бодия бошанд+.
[7] Азбаски ту ба аъмоли худ ва ба ганҷҳои худ таваккал кардӣ,
ту низ забт хоҳӣ шуд, ва Камӯш бо якҷоягии коҳинон
ва мирони худ ба асирӣ хоҳад рафт+.
[8] Ва тороҷгар ба ҳар шаҳр хоҳад омад,
ва ҳеҷ шаҳр раҳо нахоҳад шуд;
ва водӣ ба ҳалокат хоҳад расид,
ва дашт валангор хоҳад шуд, чунон ки Худованд гуфтааст+.
[9] Болҳо ба Мӯоб диҳед, то ки парида равад;
шаҳрҳои он ба биёбон мубаддал хоҳад шуд,
ва касе набошад, ки дар онҳо сокин шавад.
[10] Малъун бод касе ки кори Худовандро мусоҳилакорона ба ҷо оварад,
ва малъун бод касе ки шамшери худро аз хунрезӣ нигоҳ дорад!
[11] Мӯоб аз ҷавонии худ осудаҳол буд,
ва бар дурди худ менишаст,

ва аз зарфе ба зарфе рехта нашудааст,
ва ба асирӣ нарафтааст;
бинобар ин таъмаш дар он мондааст,
ва накҳаташ тағйир наёфтааст+.
12 Бинобар ин инак, айёме фаро мерасад, — мегӯяд Худованд, — ва
Ман резандагонро мефиристам, ки ӯро бирезанд, ва онҳо зарфҳои
ӯро холӣ карда, машкҳояшро пора-пора хоҳанд намуд.
13 Ва Мӯоб аз боиси Камӯш хиҷил хоҳад шуд, чунон ки хонадони
Исроил аз боиси Байт-Ил, ки пушту паноҳашон буд, хиҷил шудаанд+.
14 Чӣ гуна шумо мегӯед: „Мо баҳодурон
ва ҷанговарон барои корзор ҳастем“?
15 Мӯоб гирифтори тороҷ гардида, ба шаҳрҳояш душман баромадааст,
ва гузини ҷавононаш ба қатлгоҳ фуромадаанд, — мегӯяд Подшоҳ, ки
исмаш Худованди лашкарҳост+.
16 Фаро расидани ҳалокати Мӯоб наздик аст,
ва мусибаташ бағоят мешитобад.
17 Ба ҳоли ӯ таассуф намоед, эй ҳамаи ҳамсоягони ӯ
ва ҳамаи онҳое ки номи ӯро медонед!
Бигӯед: „Асои қудрат ва чӯбдасти шавкат
чӣ гуна шикаст хӯрдааст!“
18 Аз курсии кибриёи худ фурӯд омада,
дар саҳрои хушк бинишин, эй духтари сокинаи Дибӯн!
Зеро ки тороҷгари Мӯоб бар зидди ту бархостааст
ва қалъаҳои туро хароб мекунад+.
19 Дар сари роҳ биист ва бингар, эй сокинаи Арӯэр!
Аз онҳое ки барои наҷот ёфтан рӯ ба гурез овардаанд,
пурсуҷӯ намо ва бигӯй: „Чӣ воқеае рӯй додааст?“+
20 Мӯоб шармсор шудааст, зеро ки торумор гардидааст;
навҳа кунед ва фиғон кашед, дар Арнӯн эълон намоед,
ки Мӯоб толону тороҷ шудааст.
21 Ва доварӣ бар замини даштрӯя расидааст,
бар Ҳӯлӯн ва Яҳсо ва Мефоат,
22 Ва бар Дибӯн ва Набӯ ва Байт-Диблотаим,
23 Ва бар Қирьётаим ва Байт-Ҷомул ва Байт-Меӯн,
24 Ва бар Қрийӯт ва Басра, ва бар ҳамаи шаҳрҳои дур
ва наздики замини Мӯоб.

[25] Шохи Мӯоб бурида шудааст, ва бозуи он шикастааст, — мегӯяд
Худованд.
[26] Ӯро маст кунед, зеро ки ӯ пеши Худованд такаббур намудааст,
ва бигзор Мӯоб дар қаи худ ғӯта занад, ва ӯ низ хандазор шавад+.
[27] Оё Исроил барои ту хандазор нашуда буд? Оё вай дар миёни
туздон ёфт шуда буд, ки ҳар бор ту дар бораи вай сухан меронді, бо
нафрат калла меҷунбонді+?
[28] Шаҳрҳоро тарк карда, дар сахра сокин шавед,
эй сокинони Мӯоб, ва мисли кабӯтаре бошед,
ки дар лаби чар лона месозад+.
[29] Мо дар бораи ғурури Мӯоб, ки бисьёр мағрур аст,
дар бораи кибри ӯ ва ғурури ӯ ва калонигарии ӯ
ва ҳавобаландии ӯ шунидаем+.
[30] Ман густохии ӯро медонам, — мегӯяд Худованд,
— ва суханони ӯ нодуруст аст:
онҳо нодуруст амал кардаанд.
[31] Бинобар ин дар ҳаққи Мӯоб навҳа хоҳам кард,
ва барои тамоми Мӯоб фиғон хоҳам кашид;
барои мардони Қир-Ҳерес оҳу воҳ хоҳанд кард+.
[32] Барои ту, эй токи Сибмо,
бештар аз гирьяи Яъзир хоҳам гирист;
шохаҳои ту то баҳр паҳн шуда,
ба кӯли Яъзир расида буд;
тороҷгар бар меваҳои тобистоні
ва бар ҳосили ангури ту ҳуҷум овардааст+.
[33] Шоді ва хурсанді аз боғистон ва аз замини Мӯоб барҳам хӯрдааст;
ва Ман шаробро аз чархуштҳо нест кардаам;
касе ангурро бо гулбонги сурур пахш нахоҳад кард:
гулбонге ки барояд, гулбонги сурур нахоҳад буд.
[34] Аз фиғони Ҳешбӯн, ки то Элъола мерасад, овози худро то Яҳас
баланд хоҳанд кард, ва аз Сӯар то Ҳӯрӯнаим, ки Эглат Шлишиё
мебошад, зеро ки обҳои Нимрим низ хушк хоҳад шуд+.
[35] Ва Ман дар Мӯоб, — мегӯяд Худованд, — ҳар киро, ки бар
минбарҳо қурбоні меоварад ва барои худоёни худ бухур месӯзонад,
нест хоҳам кард.

[36] Бинобар ин дили ман барои Мӯоб мисли най оҳу воҳ мекунад,
ва дили ман барои мардони Қир-Ҳерес мисли най оҳу воҳ мекунад,
чунки сарвате ки онҳо андӯхта буданд, талаф шудааст.
[37] Зеро ки ҳар калла бемӯй ва ҳар риш тарошида шудааст, ва ҳамаи
дастҳо харошида ва бар камарҳо палос баста шудааст+.
[38] Бар ҳамаи бомҳои Мӯоб ва дар кӯчаҳои он саросар навҳахонист,
зеро ки Ман Мӯобро мисли зарфи нодаркоре шикастаам, — мегӯяд
Худованд+.
[39] Чӣ гуна вай торумор шудааст! Барои вай навҳа кунед! Чӣ сон
Мӯоб пушт гардонда, шармсор шудааст! Ва Мӯоб барои ҳамаи
атрофиёнаш хандахариш ва даҳшат гардидааст».
[40] Зеро Худованд чунин мегӯяд:
«Инак, ӯ мисли уқоб ҳамла оварда,
болҳои худро бар Мӯоб паҳн хоҳад кард+.
[41] Шаҳрҳо забт ва қалъаҳо мусаххар карда хоҳад шуд,
ва дили баҳодурони Мӯоб дар он рӯз
мисли дили зане ки азоби зоиш дошта бошад,
хоҳад шуд+.
[42] Ва Мӯоб барҳам хӯрда, дигар қавм нахоҳад буд,
зеро ки пеши Худованд такаббур намудааст.
[43] Тарс ва чоҳ ва дом барои туст,
эй сокини Мӯоб, — мегӯяд Худованд+.
[44] Он ки аз тарс бигрезад, дар чоҳ хоҳад афтод,
ва он ки аз чоҳ барояд, гирифтори дом хоҳад шуд,
зеро Ман бар вай, бар Мӯоб соли ҷазои онҳоро хоҳам оварда, — мегӯяд
Худованд+.
[45] Гурезаҳои бемаҷол дар сояи Ҳешбӯн бозъистодаанд,
зеро ки оташ аз Ҳешбӯн,
ва аланга аз миёни Сиҳӯн берун омадааст,
ва чаккаи Мӯоб ва фарқи сари ғавғокунандагонро хоҳад хӯрд+.
[46] Вой бар ту, эй Мӯоб! Қавми Камӯш талаф шудаанд,
зеро ки писарони ту ба асирӣ гирифта шудаанд,
ва духтарони ту гирифтори асорат гардидаанд+.
[47] Вале дар рӯзҳои охир Ман асирони Мӯобро хоҳам баргардонид, —
мегӯяд Худованд». —
Доварӣ дар бораи Мӯоб то ин ҷост+.

## 4. Дар бораи банӣ-Аммӯн ва шаҳрҳои онҳо.

49 [1] Дар бораи банӣ-Аммӯн Худованд чунин мегӯяд:
«Оё Исроил писарон надорад? Оё варо ворисе нест?
Чаро Малком Ҷодро тасарруф намудааст,
ва қавми ӯ дар шаҳрҳои он сокин шудаанд+?
[2] Бинобар ин инак, айёме фаро мерасад, — мегӯяд Худованд, —
ва Ман бонги ҷангро дар Раббаи банӣ-Аммӯн хоҳам шунавонид,
ва он ба тали вайронае табдил хоҳад ёфт,
ва қасабаҳояш ба оташ сӯзонида хоҳад шуд,
ва Исроил тасарруфкунандагони худро тасарруф хоҳад кард, —
мегӯяд Худованд+.
[3] Навҳа намо, эй Ҳешбӯн, зеро ки Ай толону тороҷ шудааст;
фарьёд кунед, эй қасабаҳои Рабба, палос ба камар баста,
мотам гиред ва дар миёни қӯраҳо овора шуда гардед,
зеро ки Малком бо якҷоягии коҳинон ва мирони худ ба асирӣ
меравад+.
[4] Чаро аз водиҳои худ, ки водиҳои баруманд аст,
фахр менамоӣ,
эй духтари муртад, ки ба ганҷҳои худ умед баста, мегӯӣ:
„Кист, ки назди ман ояд?“+
[5] Инак, Ман бар ту аз ҷониби ҳамаи атрофиёнат
тарсу бим хоҳам овард,
— мегӯяд Худованд Худои лашкарҳо, —
ва ҳар яке ба ҳар тараф парокандa хоҳад шуд,
ва касе нахоҳад буд, ки парокандашудагонро ҷамъ оварад.
[6] Вале баъд аз он Ман
асирони банӣ-Аммӯнро хоҳам баргардонид,
мегӯяд Худованд»+.

## 5. Дар бораи Адӯм.

[7] •Дар бораи Адӯм Худованди лашкарҳо чунин мегӯяд:
«Оё дигар дар Темон ҳикмат нест?
Оё машварат аз соҳибфаҳмон нест шуда,
ҳикматашон барҳам хӯрдааст+?
[8] Бигрезед, пушт гардонед, дар мағораҳо пинҳон шавед,

эй сокинони Дадон,
зеро ҳалокати Эсоврo бар он хоҳам овард,
ҳангоме ки онро ба ҷазо мустаҳиқ намоям+.
9 Агар ангурчинон назди ту оянд,
оё баъзе шингилҳоро боқӣ намегузоранд?
Агар дуздон шабона биёянд, оё фақат он қадар,
ки ба онҳо лозим бошад, намедузданд?
10 Лекин Ман Эсоврo тамоман луч кардаам,
ҷойҳои ниҳонии ӯро ошкор намудаам,
ва ӯ наметавонад пинҳон шавад;
насли ӯ, ва бародарони ӯ, ва ҳамсоягони ӯ торумор гардидаанд, ва ӯ
нест шудааст.
11 Ятимони худро тарк намо, Ман онҳоро зинда нигоҳ хоҳам дошт,
ва бевазанони ту бигзор ба Ман таваккал кунанд».
12 Зеро Худованд чунин мегӯяд: «Инак, агар онҳое ҳам, ки
нӯшидани ҷом насибашон нашудааст, онро ҳатман менӯшида
бошанд, оё ту беҷазо хоҳӣ монд? Не, беҷазо нахоҳӣ монд, балки
ҳатман хоҳӣ нӯшид+.
13 Зеро ба Зоти Худ қасам мехӯрам, — мегӯяд Худованд, — ки Басра
мавриди даҳшат ва нанг ва харобӣ ва лаънат хоҳад шуд, ва ҳамаи
шаҳрҳояш ба харобазори абадӣ табдил хоҳад ёфт»+.
14 Хабаре аз ҷониби Худованд шунидам,
ки қосиде назди халқҳо фиристода шудааст,
ки мегӯяд:
«Ҷамъ шавед, ва бар вай тохт оваред, ва барои ҷанг бархезед».
15 «Зеро инак, Ман туро дар миёни халқҳо аз ҳама хурд,
дар миёни одамон манфур гардонидаам.
16 Эй, ки дар шикофҳои сахра сокин ҳастӣ
ва қуллаи теппаро ишғол намудаӣ,
ҳайбати ту ва шарорати дили ту туро фирефта кардааст,
лекин агарчи ту лонаи худро мисли уқобе баланд сохтаӣ,
Ман туро аз он ҷо фурӯд хоҳам овард, — мегӯяд Худованд+.
17 Ва Адӯм мавриди даҳшат хоҳад шуд, ва ҳар кӣ аз он гузар кунад,
аз дидани ҳамаи ҷароҳатҳои он мутаҳайир шуда, ҳуштак хоҳад зад+.
18 Чунон ки Садӯм ва Амӯро ва ҳамсояҳошон вожгун гардида
буданд, — мегӯяд Худованд, — ончунон касе дар он ҷо сокин нахоҳад

шуд, ва писари одам дар он зиндагӣ нахоҳад кард+.
[19] Инак, ӯ мисли шер аз ҷангалистони анбӯҳи Урдун ба
иқоматгоҳи мустаҳкам мебарояд, зеро ки Ман дар лаҳзае ӯро аз он ҷо
хоҳам гурезонид, ва ҳар кӣ баргузида шуда бошад, Ман ӯро бар он
таъин хоҳам кард. Зеро кист, ки мисли Ман бошад, ва кист, ки барои
Ман мӯҳлате муқаррар намояд? Ва кист он чӯпоне ки бар зидди Ман
тавонад истодагӣ кунад+?
[20] Бинобар ин қарори Худовандро, ки дар бораи Адӯм қабул
кардааст, ва тадбирҳои Ӯро, ки дар бораи сокинони Темон
андешидааст, бишнавед: ба ростӣ, хурдтарини рамабонон онҳоро
хоҳанд рабуд; ба ростӣ, ӯ масканҳои онҳоро бар онҳо валангор хоҳад
кард+.
[21] Аз садои афтодани онҳо замин ба ларза хоҳад омад; овози
фарьёдашон дар баҳри Қулзум шунида хоҳад шуд.
[22] Инак, ӯ мисли уқоб парвоз намуда, ҳамла хоҳад овард ва болҳои
худро бар Басра паҳн хоҳад кард; ва дили баҳодурони Адӯм дар он
рӯз мисли дили зане ки азоби зоиш дошта бошад, хоҳад шуд»+.

## 6. Дар бораи Димишқ.

[23] Дар бораи Димишқ. —
Ҳамот ва Арпод хиҷил шудаанд,
зеро ки хабари бадро шунида, маъюс гардидаанд:
«Баҳр ба изтироб омадааст, наметавонад сокит шавад+.
[24] Димишқ аз рӯҳ афтодааст, рӯ ба гурез овардааст,
ва онро ларза гирифтааст;
азобу дардҳо онро, мисли зане ки мезояд,
дар бар гирифтааст+.
[25] Чӣ гуна ин шаҳри номдор,
ин пойтахти шодмонӣ тарк карда шудааст!
[26] Ба яқин ҷавонони он дар кӯчаҳои он хоҳанд афтод,
ва ҳамаи ҷанговарон дар он рӯз талаф хоҳанд шуд, —
мегӯяд Худованди лашкарҳо+.
[27] Ва Ман дар ҳисори Димишқ оташ хоҳам зад,
ва қасрҳои Бин-Ҳададро нест хоҳам кард»+.

## 7. Дар бораи Қедор ва мамлакатҳои Ҳосӯр.

28 Дар бораи Қедор ва дар бораи мамлакатҳои Ҳосӯр, ки Набукаднесар подшоҳи Бобил онҳоро зарба задааст, Худованд чунин мегӯяд:
«Бархезед, ба Қедор ҳуҷум оваред
ва писарони шарқро тороҷ кунед!+
29 Хаймаҳои онҳо ва рамаҳои онҳоро хоҳанд гирифт;
пардаҳои онҳо ва тамоми асбобу анҷоми онҳо
ва шутурони онҳоро барои худ хоҳанд бурд,
ва онҳоро аз ҳар ҷониб ба тарсу ҳарос хоҳанд андохт+.
30 Бигрезед, дуртар биравед, дар мағораҳо пинҳон шавед,
эй сокинони Ҳосӯр, — мегӯяд Худованд, —
зеро ки Набукаднесар подшоҳи Бобил дар ҳаққи шумо қароре қабул кардааст
ва бар зидди шумо тадбире андешидааст.
31 Бархезед, ба халқе ки дар осоиштагӣ
ва амният зиндагӣ мекунанд, ҳуҷум оваред, — мегӯяд Худованд. —
Онҳо на дар доранд, на ғалақа;
дар танҳоӣ сукунат доранд+.
32 Ва шутурони онҳо толону тороҷ карда
ва анбӯҳи чорвои онҳо ба ғанимат гирифта хоҳад шуд;
ва онҳоро, ки мӯи чаккаи худро метарошанд,
ба ҳар боде ки мевазад, пароканда хоҳам кард,
ва ҳалокати онҳоро аз ҳар ҷониби онҳо хоҳам овард, — мегӯяд Худованд+.
33 Ва Ҳосӯр маскани шағолон, харобазори абадӣ хоҳад гардид;
касе дар он ҷо сокин нахоҳад шуд,
ва писари одам дар он ҷо зиндагӣ нахоҳад кард»+.

## 8. Дар бораи Элом.

34 Каломи Худованд дар бораи Элом, ки бар Ирмиёи набӣ дар
ибтидои подшоҳии Сидқиё подшоҳи Яҳудо нозил шуда, гуфт:+
35 «Худованди лашкарҳо чунин мегӯяд:
инак, Ман камони Эломро, ки қуввати асосии онҳост, хоҳам шикаст;
36 Ва чор бодро аз чор канори осмон бар Элом хоҳам овард,
ва онҳоро бо ҳамаи ин бодҳо пароканда хоҳам кард,
ва халқе нахоҳад буд, ки рондашудагони Элом ба он ҷо наоянд;+
37 Ва онҳоро пеши душманонашон ва пеши толибони ҷонашон ба
шикаст дучор хоҳам кард,
ва бар онҳо мусибат, яъне оташи ғазаби Худро хоҳам овард, — мегӯяд
Худованд, —
ва шамшерро аз паи онҳо хоҳам фиристод,
то даме ки онҳоро тамоман талаф намоям;+
38 Ва тахти Худро дар Элом барқарор хоҳам намуд,
ва подшоҳ ва миронро аз он ҷо нест хоҳам кард,
— мегӯяд Худованд.
39 Вале дар рӯзҳои охир
асирони Эломро хоҳам баргардонид, —
мегӯяд Худованд»+.

## 9. Дар бораи Бобил ва замини калдониён.

# 50

1 Каломе ки Худованд дар бораи Бобил, дар бораи замини
калдониён ба воситаи Ирмиёи набӣ гуфт:+
2 «Дар миёни халқҳо баён намоед ва эълон кунед,
ва ливое бардошта, эълон кунед, пинҳон надоред, бигӯед:
„Бобил забт гардидааст, Бил шармсор шудааст,
Мерӯдах шикаст хӯрдааст, санамҳояш расво шудааст,
бутҳояш ба шикаст дучор омадааст“+.
3 Зеро ки халқе аз шимол бар зидди он бархостаанд, ки замини
онро биёбон хоҳанд гардонид, ва касе дар он сокин нахоҳад шуд: аз
инсон то ҳайвон онро тарк карда, хоҳанд рафт+.
4 Дар он айём ва дар он замон, — мегӯяд Худованд, — банӣ-Исроил
хоҳанд омад, онҳо бо якҷоягии банӣ-Яҳудо гирьякунон равона
хоҳанд шуд ва Худованд Худои худро ҷустуҷӯ хоҳанд кард+.
5 Дар бораи Сион пурсуҷӯ хоҳанд намуд, рӯи худро сӯи роҳи он
ниҳода, хоҳанд гуфт: „Биёед, бо аҳди ҷовидонӣ, ки фаромӯш нахоҳад
шуд, ба Худованд пайванд шавем“+.
6 Қавми Ман рамаи гумроҳе буданд:
чӯпононашон онҳоро гумроҳ карда, бар кӯҳҳо бурданд;
онҳо аз кӯҳ ба теппа овора шуда гашта,
ҷои фароғати худро фаромӯш карданд+.
7 Ҳар кӣ онҳоро меёфт, онҳоро мехӯрд,
ва душманонашон мегуфтанд: „Мо гуноҳкор нестем;
зеро ки онҳо пеши Худованд, ки маскани адолат аст,
ва пеши Худованд, ки умеди падарони онҳо буд, гуноҳ кардаанд“.
8 Аз даруни Бобил бигрезед,
ва аз замини калдониён берун оед,
ва мисли такаҳо пешопеши рама қадамгузор бошед+.
9 Зеро ки инак, Ман анбӯҳи халқҳои бузургро
аз замини шимолӣ барангехта,
бар Бобил меоварам,
ва онҳо бар зидди вай саф хоҳанд баст,
ва аз он ҷо вай забт хоҳад шуд;
тирҳои онҳо, мисли тирҳои баҳодури нишонгир, холӣ нахоҳад
баргашт+.

10 Ва калдониён толону тороҷ хоҳанд гардид,
ва ҳар кӣ онҳоро тороҷ кунад, сер хоҳад шуд,
— мегӯяд Худованд.
11 Зеро ки шумо, эй ғораткунандагони мероси Ман,
шодӣ ва хурсандӣ кардед,
мисли ғуноҷине ки хирманро поймол кунад, рақсидед,
ва мисли аспони зӯровар шеҳа кашидед.
12 Модари шумо бағоят хиҷил хоҳад гардид,
волидаи шумо расво хоҳад шуд;
инак оқибати халқҳо:
биёбон, саҳрои хушк ва чӯли бедолу дарахт.
13 Аз ғазаби Худованд он ғайримаскун хоҳад шуд,
ва саросар ба харобазор табдил хоҳад ёфт;
ҳар кӣ аз Бобил гузар кунад,
аз ҳамаи ҷароҳатҳои он дар ҳайрат афтода, ҳуштак хоҳад зад+.
14 Гирдогирди Бобил саф бандед, эй ҳамаи камонкашон!
Бар вай тирандозӣ кунед, тирҳоро дареғ надоред,
зеро ки вай пеши Худованд гуноҳ кардааст+.
15 Аз ҳар тараф бар вай бонг занед;
вай сари таслим ниҳодааст;
буньёдҳои вай фурӯ ғалтидааст, ҳисорҳои вай хароб шудааст,
зеро ки ин интиқоми Худованд аст; аз вай интиқом гиред;
чӣ тавре ки вай амал карда буд, ҳамон тавр бо вай амал кунед+.
16 Аз Бобил коранда ва касеро,
ки дар мавсими дарав бо дос кор мекунад,
маҳв намоед;
аз тарси шамшери ҳалокатовар бигзор ҳар кас
ба қавми худ рӯ оварад,
ва ҳар кас ба замини худ бигрезад+.

17 Исроил рамаи парокандашудаест; шерон онро ронданд; аввал подшоҳи Ашшур онро ба коми худ кашид, ва сонӣ ин Набукаднесар подшоҳи Бобил устухонҳои онро шикаст+.

18 Бинобар ин Худованди лашкарҳо, Худои Исроил чунин мегӯяд: инак, Ман подшоҳи Бобил ва замини ӯро ҷазо хоҳам дод, чунон ки подшоҳи Ашшурро ҷазо додаам+.

[19] Ва Исроилро ба чарогоҳи худаш хоҳам баргардонид, ва ӯ дар
Кармил ва Бошон хоҳад чарид, ва ҷони ӯ бар кӯҳи Ҷилъод ва Эфроим
сер хоҳад шуд+.
[20] Дар он айём ва дар он замон, — мегӯяд Худованд, — маъсияти
Исроилро ҷустуҷӯ хоҳанд кард, вале нахоҳад буд, ва гуноҳҳои
Яҳудоро хоҳанд ҷуст, ва ёфт нахоҳад шуд; зеро онҳоеро, ки боқӣ
мегузорам, хоҳам омурзид+.
[21] Бар замини Меротаим ва бар сокинони Пекӯд ҳуҷум овар,
онҳоро қатл намо ва ҳар чиро,
ки пас аз онҳо боқӣ монад, несту нобуд соз, — мегӯяд Худованд, —
ва он чи ба ту амр фармудаам, ба амал овар+.
[22] Садои корзор бар замин аст,
ва шикасти бузурге ҳувайдост+.
[23] Путки тамоми замин чӣ гуна вожгун ва торумор шудааст,
ва Бобил дар миёни халқҳо мавриди даҳшат гардидааст!+
[24] Ман барои ту дом ниҳодам, ва ту ба он гирифтор шудӣ,
эй Бобил, дар ҳолате ки бехабар мондӣ;
ту ёфт шудӣ ва ба даст афтодӣ,
зеро ки бар зидди Худованд исьён кардӣ.
[25] Худованд қӯрхонаи Худро кушода,
аслиҳаи ғазаби Худро берун овардааст,
зеро ки Худованд Худои лашкарҳо
бо замини калдониён коре дорад+.
[26] Аз ҳар тараф ба сари он биёед, анборҳои онро бикшоед,
онро мисли ғарамҳо поймол кунед ва онро тамоман талаф намоед,
то ки бақияе аз он намонад.
[27] Ҳамаи барзаговони онро қатл кунед,
бигзор гирифтори куштор шаванд; вой бар онҳо!
Зеро ки рӯзи онҳо, замони ҷазои онҳо расидааст.
[28] Овози гурезагон ва наҷотьёфтагон аз замини Бобил ба гӯш мерасад,
то ки дар Сион аз интиқоми Худованд Худои мо,
аз интиқоми маъбади Ӯ огоҳӣ диҳад+.
[29] Тирандозонро бар зидди Бобил ҷамъ оваред!
Эй ҳамаи камонкашон, гирдогирди он ӯрду занед,
то ки наҷоте барои он намонад;
ба он мувофиқи аъмолаш подош диҳед;

чӣ тавре ки рафтор карда буд,
ҳамон тавр нисбат ба он рафтор намоед,
зеро ки ба зидди Худованд,
ба зидди Қуддуси Исроил густохӣ намудааст+.
30 Бинобар ин ҷавонони он дар кӯчаҳои он хоҳанд афтод,
ва ҳамаи ҷанговаронаш дар он рӯз талаф хоҳанд шуд, — мегӯяд Худованд+.
31 Инак, Ман зидди ту ҳастам, эй густоҳ,
— мегӯяд Худованд Худои лашкарҳо, —
зеро ки рӯзи ту,
замоне ки туро ба ҷазо мустаҳиқ намоям, расидааст.
32 Ва густох пешпо хӯрда, фурӯ хоҳад ғалтид,
ва касе набошад, ки ӯро бархезонад;
ва оташ дар шаҳрҳои ӯ хоҳам зад,
ва он тамоми гирду пеши ӯро хоҳад сӯзонид+.
33 Худованди лашкарҳо чунин мегӯяд:
банӣ-Исроил ва банӣ-Яҳудо якҷоя мазлум ҳастанд,
ва ҳамаи касоне ки онҳоро ба асирӣ бурданд,
онҳоро маҳкам нигоҳ доштаанд
ва намехоҳанд онҳоро ҷавоб диҳанд+.
34 Лекин Раҳокунандаи онҳо,
ки исмаш Худованди лашкарҳост, пуриқтидор аст;
Ӯ доди онҳоро хоҳад ситонид, то ки заминро ором созад
ва сокинони Бобилро ба ларза андозад.
35 Шамшере бар калдониён аст, — мегӯяд Худованд, —
ва бар сокинони Бобил, ва бар мирон ва ҳакимони он;
36 Шамшере бар козибон аст, ва беақлии онҳо зоҳир хоҳад шуд;
шамшере бар баҳодурони ӯст, ва онҳо ба изтироб хоҳанд афтод;
37 Шамшере бар аспони ӯст ва бар аробаҳои ӯст,
ва бар тамоми мардуми гуногунқабилае ки андаруни ӯ ҳастанд,
ва онҳо мисли занон хоҳанд буд;
шамшере бар хазоини ӯст, ва онҳо толону тороҷ хоҳанд шуд;+
38 Хушкоӣ бар обҳои ӯст, ва онҳо хушк хоҳад шуд;
зеро ки он замини санамҳост,
ва аз бими бутҳо девона хоҳанд шуд+.

39 Бинобар ин дар он ҷо гурбаҳои ваҳшӣ бо рӯбоҳон сокин хоҳанд
шуд,
ва шутурмурғон маскан хоҳанд гирифт;
ва он дигар то абад маскун нахоҳад гардид,
ва то абадуддаҳр обод нахоҳад шуд+.
40 Чунон ки Худо Садӯм ва Амӯро
ва ҳамсояҳошонро вожгун намуд, — мегӯяд
Худованд, — ончунон касе дар он ҷо сокин нахоҳад шуд,
ва писари одам дар он зиндагӣ нахоҳад кард+.
41 Инак, қавме аз шимол меоянд,
ва халқи бузурге ва подшоҳони бисьёр аз ақсои замин бармехезанд;+
42 Онҳо камон ва мизроқ дар дасташон доранд;
сангдил ҳастанд ва раҳм намекунанд;
овозашон мисли баҳр мехурӯшад,
ва бар аспон савор мешаванд;
чун як тан барои ҷанг ба зидди ту,
эй духтари Бобил, саф бастаанд.
43 Подшоҳи Бобил овозаи онҳоро шунид, ва дастҳояш суст шуд;
азоб ва дард ӯро мисли зане ки мезояд, дар бар гирифт+.
44 Инак, ӯ мисли шер аз ҷангалистони анбӯҳи Урдун ба
иқоматгоҳи мустаҳкам мебарояд, зеро ки Ман дар лаҳзае онҳоро аз
он ҷо хоҳам гурезонид, ва ҳар кӣ баргузида шуда бошад, Ман ӯро бар
он таъин хоҳам кард. Зеро кист, ки мисли Ман бошад, ва кист, ки
барои Ман мӯҳлате муқаррар намояд? Ва кист он чӯпоне ки бар
зидди Ман тавонад истодагӣ кунад+?
45 Бинобар ин қарори Худовандро, ки дар бораи Бобил қабул
кардааст, ва тадбирҳои Ӯро, ки дар бораи замини калдониён
андешидааст, бишнавед: ба ростӣ, хурдтарини рамабонон онҳоро
хоҳанд рабуд; ба ростӣ, ӯ маскани онҳоро бар онҳо валангор хоҳад
кард+.
46 Аз садои забти Бобил замин ба ларза хоҳад омад, ва фарьёде дар
миёни халқҳо шунида хоҳад шуд».

## Давоми нубувват дар бораи Бобил ва дар бораи баргардонидани яҳудиён аз асирӣ.

# 51

1 Худованд чунин мегӯяд:
«Инак, Ман бар Бобил ва бар сокинони Лев-Қомой боди ҳалокатоваре бармехезонам,+
2 Ва бар Бобил барбоддиҳандагонро мефиристам,
ва онро барбод хоҳанд дод,
ва замини онро холӣ хоҳанд кард,
зеро ки онҳо дар рӯзи мусибат онро аз ҳар тараф иҳота хоҳанд намуд.
3 Бигзор камонкаш камонашро зеҳ накунад,
ва аз зиреҳаш фахр нанамояд;
ва бар ҷавонони он раҳм накунед,
тамоми лашкари онро маҳв намоед.
4 Бигзор мақтулон бар замини калдониён
ва маҷрӯҳон бар кӯчаҳои он биафтанд»+.
5 Зеро ки Исроил ва Яҳудо аз Худои худ,
аз Худованди лашкарҳо матрук нашудаанд,
ва ҳол он ки замини онҳо аз маъсият бар зидди Қуддуси Исроил пур шудааст+.
6 Аз даруни Бобил бигрезед,
ва бигзор ҳар кас ҷони худро халос кунад,
то ки аз боиси гуноҳи он талаф нашавед;
зеро ки ин замони интиқоми Худованд аст:
Ӯ подоши онро хоҳад дод+.
7 Бобил косаи тилло дар дасти Худованд буд,
ки тамоми дуньёро маст мекард:
халқҳо аз шароби он нӯшиданд,
бинобар ин халқҳо девонагӣ карданд+.
8 Ногаҳон Бобил фурӯ ғалтида, шикаст хӯрдааст;
барои он навҳа намоед, баласон барои ҷароҳати он бигиред: шояд шифо ёбад+.
9 Бобилро табобат кардем, вале шифо наёфт;
онро тарк кунед, ва ҳар яке аз мо ба замини худ биравем;
зеро ки доварии он то ба афлок расидааст

ва то абрҳо баланд шудааст.
10 Худованд адолати моро ба рӯи об баровард;
биёед, аъмоли Худованд Худои моро дар Сион эълон намоем.
11 Тирҳоро тез кунед, сипарҳоро ба даст гиред!
Худованд рӯҳи подшоҳони Модайро барангехтааст,
чунки Ӯ қасде бар зидди Бобил дорад,
то ки онро талаф намояд,
зеро ин интиқоми Худованд аст, интиқоми маъбади Ӯст+.
12 Бар зидди ҳисорҳои Бобил байрақ бардоред,
нигоҳбониро пурзӯр намоед, посбононро таъин кунед, каминҳоро
муҳайё созед!
Зеро он чи Худованд қасд намудааст,
ва он чи дар бораи сокинони Бобил гуфтааст,
ба амал хоҳад овард.
13 Эй, ки назди обҳои фаровон сокин ҳастӣ
ва ганҷҳои зиёде дорӣ!
Фарҷоми ту, анҷоми тамаъкории ту фаро расидааст+.
14 Худованди лашкарҳо ба Зоти Худ қасам хӯрдааст:
ба ростӣ, туро аз одамон мисли малах пур хоҳам кард,
ва онҳо бар ту гулбонг хоҳанд зад+.
15 Ӯ заминро бо қуввати Худ офарид,
дуньёро бо ҳикмати Худ барқарор намуд,
ва осмонро бо хиради Худ густаронид+.
16 Ҳамин ки Ӯ овоз диҳад, обҳо дар осмон ғулғула меандозанд,
ва Ӯ абрҳоро аз ақсои замин боло мебардорад,
барқҳоро барои борон ба вуҷуд меоварад,
ва бодро аз махзанҳои Худ берун меоварад+.
17 Ҳар одам аз ақл бегона ва ҳар заргар
аз саname ки сохтааст, шармсор хоҳад шуд,
зеро ки бутҳои вай чизи дурӯғ аст,
ва ҳеҷ нафасе дар онҳо нест+.
18 Онҳо ҳеҷу пуч аст, амали фиребгарист;
чун ба доварӣ дучор ояд, нест хоҳад шуд.
19 Ӯ, ки насибаи Яъқуб аст, мисли онҳо нест,
зеро ки Ӯ Офаринандаи тамоми мавҷудот аст,
ва (Исроил) сибти мероси Ӯст;

исми Ӯ Худованди лашкарҳост+.
[20] «Ту барои Ман путк, аслиҳаи ҷанг будӣ;
ва Ман ба воситаи ту халқҳоро торумор кардам,
ва ба воситаи ту мамлакатҳоро талаф намудам;+
[21] Ва ба воситаи ту асп ва саворашро торумор кардам,
ва ба воситаи ту ароба ва саворашро торумор кардам;
[22] Ва ба воситаи ту мард ва занро торумор кардам,
ва ба воситаи ту пир ва кӯдакро торумор кардам,
ва ба воситаи ту ҷавон ва дӯшизаро торумор кардам;
[23] Ва ба воситаи ту чӯпон ва рамаашро торумор кардам,
ва ба воситаи ту зироаткор ва ҷуфти барзаговонашро торумор
кардам,
ва ба воситаи ту волиён ва ҳокимонро торумор кардам.
[24] Ва ба Бобил ва ҳамаи сокинони кишвари калдониён барои
тамоми шарорате ки дар Сион ба амал овардаанд, дар пеши назари
шумо подош хоҳам дод, — мегӯяд Худованд.
[25] Инак, Ман, — мегӯяд Худованд, — зидди ту ҳастам,
эй кӯҳи ҳалокатовар, ки тамоми дуньёро ба ҳалокат расондаӣ!
Ва Ман дасти Худро бар ту дароз хоҳам кард,
ва туро аз болои сахраҳо фурӯ хоҳам ғалтонид,
ва туро ба кӯҳи сӯхтае табдил хоҳам дод.
[26] Ва аз ту санге барои сари гӯша
ва санге барои таҳкурсӣ нахоҳанд гирифт,
зеро ки ту харобазори абадӣ хоҳӣ шуд», — мегӯяд Худованд.
[27] Байрақе бар замин бардоред,
шохе дар миёни халқҳо бинавозед,
халқҳоро бар зидди он даъват намоед,
мамлакатҳои Аророт, Минӣ ва Ашканазро
бар зидди он ҷамъ оваред,
сипаҳсолоре бар зидди он таъин кунед,
аспонро мисли малахи сихдоре бархезонед+.
[28] Халқҳоро бар зидди он даъват намоед:
подшоҳони Модай, волиёнаш ва ҳамаи ҳокимонаш,
ва тамоми замини қаламравашро+.
[29] Ва замин ба изтироб омада, меларзад,
зеро тадбирҳои Худованд дар ҳаққи Бобил ба амал меояд,

то ки замини Бобилро харобазори ғайримаскун гардонад+.
30 Баҳодурони Бобил аз ҳарбу зарб даст кашида,
дар истеҳкомҳои худ нишастаанд;
қуввати онҳо адо шуда, мисли занон гардидаанд;
масканҳои он сӯзонида, ғалақаҳои он шикаста шудааст+.
31 Қосид ба пешвози қосид медавад,
ва хабарбар ба пешвози хабарбар,
то ба подшоҳи Бобил хабар диҳад,
ки шаҳри ӯ аз ҳар тарафаш забт гардидааст,
32 Ва гузаргоҳҳо гирифта шудааст,
ва қамишзорҳо ба оташ сӯхтааст,
ва ҷанговарон ба ҳарос афтодаанд.
33 Зеро ки Худованди лашкарҳо, Худои Исроил чунин мегӯяд:
духтари Бобил мисли хирмангоҳест дар вақти поймол шудани он;
баъд аз андак замон мавсими дарави он фаро хоҳад расид+.
34 «Набукаднесар подшоҳи Бобил маро хӯрдааст,
маро дарҳам-барҳам намудааст,
маро зарфи холие гардонидааст,
мисли тимсоҳе маро фурӯ бурдааст,
шиками худро аз неъматҳои ман пур кардааст,
маро бадар рондааст+.
35 Осебе ки ба ман ва ба ҷисми ман расидааст,
бар гардани Бобил бод!» — хоҳад гуфт сокинаи Сион.
«Ва хуни ман бар гардани сокинони кишвари калдониён бод!» —
хоҳад гуфт Ерусалим.
36 Бинобар ин Худованд чунин мегӯяд: «Инак,
Ман доди туро хоҳам ситонид,
ва интиқоми туро хоҳам гирифт:
баҳри ӯро хоҳам хушконид,
ва чашмаашро хушк хоҳам кард+.
37 Ва Бобил ба сангтӯдаҳо, ба маъвои шағолон,
ба мавриди даҳшат ва масхара табдил ёфта,
ғайримаскун хоҳад шуд+.
38 Мисли шерон якҷоя наъра мезананд,
мисли шербачаҳо ғурриш мекунанд+.
39 Ҳамин ки гарм шавард, барояшон базме барпо намуда,

онҳоро маст хоҳам кард, то ки дилхушӣ намоянд,
ва ба хоби абадӣ бираванд,
ва бедор нашаванд, — мегӯяд Худованд.
40 Онҳоро мисли мешони парворӣ, мисли қӯчқорон
ва такаҳо барои куштан фурӯд хоҳам овард.
41 Чӣ сон Шешак мусаххар,
ва ҷалоли тамоми дунъё зердаст карда шудааст!
Чӣ сон Бобил дар миёни халқҳо мавриди
даҳшат гардидааст!
42 Баҳр бар Бобил туғьён намуда,
бо анбӯҳи мавҷҳояш вай пӯшида шудааст.
43 Шаҳрҳои он хароб гардида,
ба замини хушк ва чӯл табдил ёфтааст,
ба замине ки ҳеҷ кас дар он сокин нест,
ва писари одам аз он гузар намекунад+.
44 Ва Билро дар Бобил ҷазо хоҳам дод,
ва он чи фурӯ бурдааст,
аз даҳонаш берун хоҳам овард,
ва халқҳо ба сӯи он дигар равон нахоҳанд шуд;
ҳисори Бобил низ фурӯ хоҳад ғалтид+.
45 Аз даруни он берун оед, эй қавми Ман,
ва ҳар яке ҷони худро аз оташи ғазаби Худованд халос кунед!+
46 Ва бигзор дили шумо суст нашавад,
ва шумо аз овозае ки дар замин шунида хоҳад шуд, натарсед;
он овоза дар як сол ба гӯш хоҳад расид,
ва дар соли баъд аз он овозаи дигаре;
ва зулм дар замин ҳукмфармо гардида,
ҳокиме ба муқобили ҳокиме қиём хоҳад кард.
47 Бинобар ин инак, айёме фаро мерасад,
ки Ман бар санамҳои Бобил доварӣ хоҳам намуд,
ва тамоми замини он расво хоҳад шуд,
ва ҳамаи мақтулони он андаруни он хоҳанд афтод+.
48 Ва осмону замин ва ҳар чи дар онҳост,
бар Бобил тараннум хоҳанд кард,
зеро ки аз шимол тороҷгарон бар он хоҳанд омад», — мегӯяд
Худованд+.

[49] Бобил низ ба сабаби мақтулони Исроил фурӯ хоҳад ғалтид,
дар Бобил низ мақтулони тамоми замин фурӯ хоҳанд ғалтид.
[50] Эй онҳое ки аз шамшер раҳо шудаед, биравед, наистед!
Худовандро аз дурдаст ба хотир оваред,
ва бигзор Ерусалим дар дили шумо бошад.
[51] Мо хиҷил шудем, ҳангоме ки ҳақорат шунидем;
нанг рӯи моро пӯшонид,
ҳангоме ки аҷнабиён ба қудсҳои хонаи Худованд дохил шуданд+.
[52] «Бинобар ин инак, айёме фаро мерасад, — мегӯяд Худованд, —
ки Ман бар санамҳои он доварӣ хоҳам намуд,
ва дар тамоми замини он маҷрӯҳон оҳу нола хоҳанд кард+.
[53] Ҳатто агар Бобил то ба афлоқ барояд,
ва ҳатто агар иқтидори худро дар истеҳкомоти баланд пурзӯр созад,
аз ҷониби Ман тороҷгарон бар он хоҳанд омад»,
— мегӯяд Худованд+.
[54] Садои нола аз Бобил ба гӯш мерасад,
ва овози шикасти азиме аз замини калдониён,+
[55] Зеро Худованд Бобилро гирифтори тороҷ мегардонад
ва садои бузургро аз даруни он нест мекунад;
ва мавҷҳои онҳо мисли обҳои фаровон мехурӯшанд,
ва садои ғулғулаи онҳо ба гӯш мерасад.
[56] Зеро ки бар он, бар Бобил тороҷгар меояд,
ва баҳодурони он ба даст афтода, камонҳошон мешиканад,
зеро ки Худованд Худои мукофотҳост,
ва ҳатман подош хоҳад дод+.
[57] «Ва Ман мирони он ва ҳакимони онро,
волиёни он ва ҳокимони он ва баҳодурони онро маст хоҳам кард,
ва онҳо ба хоби абадӣ хоҳанд рафт ва бедор нахоҳанд шуд», —
мегӯяд Подшоҳе ки исмаш Худованди лашкарҳост.
[58] Худованди лашкарҳо чунин мегӯяд:
«Ҳисорҳои фарохи Бобил тамоман хароб хоҳад шуд,
ва дарвозаҳои баландаш ба оташ хоҳад сӯхт:
қавмҳо бар абас меҳнат кардаанд,
ва қабилаҳо аз барои оташ хаста шудаанд»+.
[59] Каломе ки Ирмиёи набӣ ба Сароё ибни Нериё ибни Маҳсеё амр
фармуд, ҳангоме ки вай бо Сидқиё подшоҳи Яҳудо дар соли чоруми

подшоҳии ӯ ба Бобил мерафт; ва Сароё мири бор буд+.
60 Ва Ирмиё тамоми мусибатеро, ки бояд бар Бобил биёяд, дар як
тӯмори китобат бинавишт, яъне ҳамаи ин суханонро, ки дар бораи
Бобил навишта шудааст.
61 Ва Ирмиё ба Сароё гуфт: «Ҳангоме ки ба Бобил дохил шавӣ,
бубин ва ҳамаи ин суханонро бихон,
62 Ва бигӯй: „Худовандо! Ту дар бораи ин макон гуфтаӣ, ки онро
тавре талаф хоӣ кард, ки дар он на одаме ва на чорпое сокин
нашавад, ва он ба биёбони абадӣ табдил ёбад“+.
63 Ва ҳангоме ки хондани ин тӯморро ба анҷом расонӣ, санге ба он
бибанд, ва онро андаруни Фурот биандоз,+
64 Ва бигӯй: „Бобил аз боиси мусибате ки Ман бар он хоҳам овард,
хамин тавр ғарқ хоҳад шуд, ва онҳо хаста хоҳанд гардид“». То ин
ҷост суханони Ирмиё.

## Шарҳи мухтасари воқеаҳо.

**52** [1] •Сидқиё бисту яксола буд, ки ба подшоҳӣ шурӯъ намуд, ва
ёздаҳ сол подшоҳӣ кард; ва номи модари ӯ Ҳамутал бинти
Ирмиё аз Либно буд+.
[2] Ва ӯ он чи дар назари Худованд бад буд, ба амал овард, мисли
ҳар он чи Еҳӯёқим ба амал оварда буд.
[3] Зеро ба сабаби ғазаби Худованд ин дар Ерусалим ва Яҳудо воқеъ
шуд, ба тавре ки Ӯ онҳоро аз ҳузури Худ рад кард; ва Сидқиё ба
подшоҳи Бобил осӣ шуд+.
[4] Ва дар соли нӯҳуми подшоҳии ӯ, дар моҳи даҳум, дар рӯзи
даҳуми моҳ воқеъ шуд, ки Набукаднесар подшоҳи Бобил, худаш ва
тамоми лашкараш, назди Ерусалим омад, ва бар зидди он ӯрду
заданд, ва девори муҳосира гирдогирди он бино карданд+.
[5] Ва шаҳр то соли ёздаҳуми подшоҳ Сидқиё дар муҳосира буд.
[6] Дар моҳи чорум, дар рӯзи нӯҳуми моҳ, қаҳтӣ дар шаҳр пурзӯр
шуд, ва барои қавми замин нон набуд.
[7] Ва шаҳр рахна карда шуд, ва ҳамаи ҷанговарон гурехтанд, ва
шабона ба воситаи дарвозае ки дар миёни ду ҳисор, дар наздикии
боғи подшоҳ буд, аз шаҳр баромаданд, ва дар сурате ки калдониён
гирдогирди шаҳр буданд, бо роҳи чӯл равона шуданд.
[8] Ва лашкари калдониён подшоҳро таъқиб карданд, ва дар чӯли
Ериҳӯ ба Сидқиё расида гирифтанд, ва тамоми лашкараш аз пеши ӯ
пароканда шуда рафтанд.
[9] Ва подшоҳро дастгир карданд, ва ӯро назди подшоҳи Бобил ба
Рибло, ки дар замини Ҳамот аст, оварданд; ва дар ҳаққи ӯ ҳукми
худро эълон кард+.
[10] Ва подшоҳи Бобил писарони Сидқиёро дар пеши назари ӯ қатл
кард; ва ҳамаи мирони Яҳудоро низ дар Рибло ба қатл расонид+.
[11] Ва чашмони Сидқиёро кӯр кард; ва ӯро занҷирбанд намуд; ва
подшоҳи Бобил ӯро ба Бобил овард, ва ӯро то рӯзи вафоташ дар
зиндон андохт+.
[12] Ва дар моҳи панҷум дар рӯзи даҳуми моҳ, ки соли нуздаҳуми
подшоҳии Набукаднесар подшоҳи Бобил буд, сардори посбонон

Набузаръадон, ки ба ҳузури подшоҳи Бобил меистод, ба Ерусалим
омад+.
13 Ва хонаи Худованд ва хонаи подшоҳро сӯзонид; ва ҳамаи
хонаҳои Ерусалим ва ҳар хонаи бузургонро ба оташ сӯзонид+.
14 Ва тамоми лашкари калдониён, ки ҳамроҳи сардори посбонон
буданд, ҳамаи ҳисорҳои гирдогирди Ерусалимро хароб карданд+.
15 Ва сардори посбонон Набузаръадон баъзе аз бенавоёни қавм ва
бақияи қавмро, ки дар шаҳр монда буданд, ва гурезпоёнро, ки ба
тарафи подшоҳи Бобил гузашта буданд, ва бақияи оммаро ба асирӣ
бурд.
16 Вале сардори посбонон Набузаръадон баъзе аз бенавоёни
заминро барои токдорӣ ва зироаткорӣ вогузошт.
17 Ва калдониён сутунҳои мисро, ки дар хонаи Худованд буд, ва
пояҳо ва обанбори мисро, ки дар хонаи Худованд буд, шикастанд, ва
тамоми миси онҳоро ба Бобил burданд+.
18 Ва дегҳо, ва хокандозҳо, ва кордҳо, ва косаҳо, ва қошуқҳо, ва
тамоми асбоби мисро, ки дар вақти ибодат кор мефармуданд,
гирифта бурданд+.
19 Ва сардори посбонон пиёлаҳо, ва маҷмарҳо, ва косаҳо, ва дегҳо,
ва чароғҳо, ва қошуқҳо, ва дӯлчаҳоро, — хоҳ аз тилло буд, хоҳ аз
нуқра, — гирифта бурд.
20 Сутунҳо дуто, обанбор якто ва барзаговҳои мисин дувоздаҳто
буд, ки зери пояҳо буд, ва подшоҳ Сулаймон онҳоро барои хонаи
Худованд сохта буд, — вазни миси тамоми ин асбоб аз ҳад зиёд буд+.
21 Ва ин сутунҳо, яъне ҳар як сутун ҳаждаҳ зироъ баландӣ дошт, ва
риштае ба дарозии дувоздаҳ зироъ онро дар бар мегирифт, ва он
дарунхолӣ буда, ғафсии деворҳояш чор ангушт буд+.
22 Ва тоҷе бар он аз мис буд; ва баландии як тоҷ панҷ зироъ буд; ва
бар тоҷ гирдогирд шабака ва анорҳо буд, — ҳамааш аз мис; айни
ҳамин чизҳо ва анорҳо бар сутуни дуюм буд.
23 Ва наваду шаш анор рӯй ба берун буда, ҳамаи анорҳо
гирдогирди шабака садто буд.
24 Ва сардори посбонон Сароёи саркоҳин ва Сафаньёи коҳини
дуюм ва се посбони даромадгоҳро гирифт;+
25 Ва аз шаҳр як хоҷасаройро, ки сардори ҷанговарон буд, ва ҳафт
нафар муқаррабони подшоҳро, ки дар шаҳр буданд, ва мирзои

сарлашкарро, ки бо сафарбарии қавми мамлакат машғул буд, ва шаст нафарро, ки аз қавми мамлакат дар шаҳр буданд, гирифт;
[26] Ва сардори посбонон Набузаръадон онҳоро гирифта, назди подшоҳи Бобил ба Рибло бурд.
[27] Ва подшоҳи Бобил онҳоро дар Рибло, ки дар замини Ҳамот аст, зада ба қатл расонид; ва аҳли Яҳудо аз замини худ ба асирӣ рафтанд.
[28] Ин аст адади қавме ки Набукаднесар ба асирӣ бурд: дар соли ҳафтум се ҳазору бисту се нафар яҳудиён;+
[29] Дар соли ҳаждаҳуми Набукаднесар аз Ерусалим ҳаштсаду сию ду нафар;
[30] Дар соли бисту сеюми Набукаднесар сардори посбонон Набузаръадон ҳафтсаду чилу панҷ нафар яҳудиёнро ба асирӣ бурд; ҷамъ чор ҳазору шашсад нафар.

## Рӯзҳои охирини Еҳӯёкин.

31 •Ва дар соли сию ҳафтуми асирии Еҳӯёкин подшоҳи Яҳудо, дар
моҳи дувоздаҳум, дар рӯзи бисту панчуми моҳ воқеъ шуд, ки Эвил-
Мерӯдах подшоҳи Бобил дар соли аввали подшоҳии худ Еҳӯёкин
подшоҳи Яҳудоро сарафроз кард ва ӯро аз зиндон баровард+.
32 Ва ба ӯ суханони нек гуфт, ва тахти ӯро аз тахти подшоҳоне ки
бо вай дар Бобил буданд, болотар гузошт.
33 Ва либоси зиндонии ӯро иваз намуд, ва ӯ ҳамеша, тамоми
айёми умраш, ба ҳузури вай нон мехӯрд.
34 Ва хӯроки ӯ, хӯроки доимӣ, ба ӯ аз ҷониби подшоҳи Бобил рӯз
ба рӯз, то рӯзи вафоти ӯ, тамоми айёми умри ӯ дода мешуд.

---

* 20:3 **Пашҳур** — фароғат дар гирду пеш.

* 20:3 **Магӯр-Мисавив** — даҳшат дар гирду пеш.

* 23:33 Дар нусхаи асли ибронӣ калимаи «массо» ба кор бурда шудааст, ки маънояш ҳам «ваҳй» аст ва ҳам «бор». Агарчи лозим аст, ки «ваҳйи Худованд» гӯянд, аммо анбиёи козиб барои истеҳзо кардан маънои дуюми калимаро ба забон оварда, «бори Худованд» мегӯянд.

---

+ 1:1 Еҳ. 21:18, 3 Подш. 2:26

+ 1:2 4 Подш. 22:1, Ирм. 3:6, Ирм. 25:3, Саф. 1:1

+ 1:3 4 Подш. 23:36, 4 Подш. 24:18, Ирм. 39:2, 4 Подш. 25:8-11

+ 1:4 Иш. 49:1, Ғал. 1:15, Иш. 49:6, Аъм. 9:15

+ 1:6 Хур. 4:10

+ 1:8 Ҳиз. 2:6, Ҳиз. 3:11, Мат. 10:28, Ирм. 15:20

+ 1:9 Иш. 6:7, Дон. 10:16, Ирм. 5:14

+ 1:10 Ирм. 18:7, Ирм. 31:28

+ 1:11 Ом. 7:8, Ом. 8:2

+ 1:13 Зак. 6:6

+ 1:14 Ирм. 4:6, Ирм. 6:1, Ирм. 10:22, Ирм. 13:20, Ирм. 47:2, Ҳиз. 26:7

+ 1:15 Ирм. 25:9

+ 1:17 3 Подш. 18:46

+ 1:18 Иш. 50:7, Ирм. 6:27, Ирм. 15:20, Ҳиз. 3:8-9

+ 2:2 Ирм. 3:4, Ҳиз. 16:8, Так. Шар. 2:7

+ 2:3 Хур. 19:6, Хур. 28:36, Так. Шар. 7:6, Яъқ. 1:18, Ваҳй 14:4

+ 2:5 Мик. 6:3, 4 Подш. 17:15, Рум. 1:21

+ 2:6 Так. Шар. 8:15

+ 2:7 Так. Шар. 8:7, Так. Шар. 11:11, Иб. 18:25, Ад. 35:33, Ҳиз. 36:17

+ 2:8 Ирм. 23:13

+ 2:9 Хур. 20:5-6

+ 2:10 Иш. 21:16-17

+ 2:11 Иш. 37:19, Ирм. 16:20, Заб. 105:20, Рум. 1:23

+ 2:13 Заб. 35:10, Ирм. 17:13, Юҳ. 4:10

+ 2:15 Иш. 5:29, Ирм. 4:7, Наҳум 2:11, Ирм. 9:11, Ирм. 46:19

+ 2:18 Иш. 30:2, Иш. 31:1, Ирм. 2:18, Ҳиз. 16:28, Ҳиз. 23:12

+ 2:20 Ирм. 30:8, Ҳиз. 34:27, Ҳиз. 6:13, Ҳиз. 16:15-16, Ҳуш. 4:13

+ 2:21 Иш. 5:1, Заб. 79:9, Мат. 21:33

+ 2:22 Айюб 9:30, Ҳиз. 24:12

+ 2:24 Ҳуш. 8:9

+ 2:25 Так. Шар. 32:16, Ирм. 3:13, Ирм. 18:12

+ 2:26 Ирм. 32:32

+ 2:27 Дов. 10:10

+ 2:28 Так. Шар. 32:37, Ирм. 11:12-13

+ 2:30 Иш. 9:13, Ирм. 5:3, 3 Подш. 18:4, 2 Вак. 24:21, Мат. 23:37, Аъм. 7:52

+ 2:32 Иш. 61:10, Так. Шар. 32:18, Иш. 17:10, Ирм. 3:21, Ҳуш. 8:14

+ 2:33 Ирм. 22:20, Ирм. 30:14

+ 2:34 4 Подш. 21:16, 4 Подш. 24:4, Ирм. 19:4

+ 2:36 Иш. 30:3-5

+ 3:1 Так. Шар. 24:1-4

+ 3:2 Иш. 13:20, Ҳиз. 16:25

+ 3:3 Так. Шар. 28:24, Ом. 4:7

+ 3:5 Заб. 102:9, Нав. 3:31

+ 3:6 4 Подш. 22:1, Ирм. 1:2, Ҳиз. 6:13, Ҳиз. 16:15-16, Ҳуш. 4:13

+ 3:8 Так. Шар. 24:1, Иш. 50:1, 4 Подш. 17:19, Ҳиз. 23:11

+ 3:9 Хур. 34:15

+ 3:10 Ҳиз. 23:4

+ 3:11 Ҳиз. 16:51

+ 3:12 Заб. 102:9

+ 3:13 Ҳиз. 6:13, Ҳиз. 16:15-16, Ҳуш. 4:13

+ 3:15 Ирм. 23:4

+ 3:16 Хур. 25:10

+ 3:18 Иш. 11:13, Ирм. 50:4, Ҳиз. 37:19, Ҳуш. 1:11

+ 3:20 Ҳуш. 3:1

+ 3:21 Так. Шар. 32:18, Иш. 17:10, Ирм. 2:32

+ 3:22 Иш. 57:18, Ирм. 30:17

+ 3:25 Эзр. 9:6-7, Заб. 105:6

+ 4:1 2 Вак. 30:6, Юил 2:12

+ 4:2 Так. Шар. 6:13, Ирм. 5:2, Ирм. 9:24

+ 4:3 Ҳуш. 10:12, Мат. 13:7, Марқ. 4:7, Ибр. 6:8

+ 4:4 Так. Шар. 10:16, Так. Шар. 30:6, Рум. 2:29, Ирм. 21:11

+ 4:5 Ҳуш. 5:8, Ҳуш. 8:1

+ 4:6 Ирм. 1:14, Ҳиз. 26:7

+ 4:7 Иш. 5:29, Ирм. 2:15, Наҳум 2:11

+ 4:8 Иш. 22:12, Юил 1:13

+ 4:10 Ирм. 14:13, Ҳиз. 14:9

+ 4:12 Ирм. 51:1, Ҳуш. 4:19, Ҳуш. 13:15

+ 4:13 Ҳиз. 38:9, Иш. 5:28, Нав. 4:19, Ҳаб. 1:8

+ 4:14 Заб. 50:4, Иш. 1:16, Яъқ. 4:8

+ 4:17 4 Подш. 25:1-4

+ 4:18 Ирм. 2:17

+ 4:19 Иш. 16:11

+ 4:20 Ҳиз. 7:26, Ирм. 10:20

+ 4:22 Так. Шар. 32:28

+ 4:23 Ҳас. 1:2, Иш. 5:30

+ 4:24 Ҳиз. 38:20, Наҳум 1:5

+ 4:25 Ирм. 9:10

+ 4:26 Заб. 106:34

+ 4:27 Ирм. 5:10

+ 4:28 Иш. 24:4, Ҳуш. 4:3, Юил 1:10, Иш. 50:3

+ 4:30 Нав. 1:19, Ҳиз. 23:22, Ҳиз. 23:40

+ 4:31 Иш. 13:8, Ирм. 6:24, Ирм. 13:21, Ирм. 22:23, Мик. 4:9-10, Иш. 1:15, Нав. 1:17

+ 5:1 Иш. 59:16, Ҳиз. 22:30, Ҳас. 18:26

+ 5:2 Так. Шар. 6:13, Ирм. 4:2

+ 5:3 Ирм. 2:30, Ом. 4:6, Ҳаҷ. 2:17

+ 5:4 Ирм. 8:7

+ 5:5 Ирм. 2:20

+ 5:6 Иш. 5:29, Ирм. 2:15, Ҳуш. 13:7-8, Наҳум 2:11

+ 5:7 Так. Шар. 32:21, 2 Вак. 13:9, Хур. 23:13, Еҳ. 23:6

+ 5:8 Хур. 20:14, Хур. 20:17, Ҳиз. 22:11

+ 5:9 Ирм. 9:9

+ 5:10 Ирм. 4:27

+ 5:12 Иш. 28:15, Ирм. 6:14, Ирм. 14:13

+ 5:13 2 Вак. 36:16, Зак. 1:4

+ 5:14 Ирм. 1:9, Ваҳй 11:5

+ 5:15 Ҳаб. 1:6, Так. Шар. 28:49

+ 5:16 Заб. 5:10

+ 5:17 Иб. 26:16, Так. Шар. 28:51

+ 5:19 Ирм. 13:22, Ирм. 16:10, Ирм. 22:8

+ 5:21 Так. Шар. 32:6, Так. Шар. 29:4, Иш. 6:9, Марқ. 8:18

+ 5:22 Ирм. 10:7, Ваҳй 15:4, Ҳас. 1:9, Айюб 38:8-11, Заб. 32:7, Заб. 103:9

+ 5:23 Хур. 32:9, Заб. 77:8

+ 5:24 Так. Шар. 11:14

+ 5:26 Заб. 63:5, Мас. 1:11, Мас. 12:6

+ 5:28 Иш. 1:23

+ 5:29 Ирм. 5:9, Ирм. 9:9

+ 5:31 Ирм. 6:13, Ирм. 14:14, Ирм. 29:9, Нав. 2:14, Ҳиз. 13:6

+ 6:1 2 Подш. 14:2, Наҳ. 3:14, Ирм. 1:14, Ҳиз. 26:7

+ 6:4 Юил 3:9

+ 6:6 Так. Шар. 20:19-20, Саф. 3:1

+ 6:7 Заб. 54:10, Ҳиз. 7:23

+ 6:10 Иш. 28:10, Иш. 42:20, Ҳиз. 12:2, Юҳ. 8:43

+ 6:11 Ирм. 20:9

+ 6:12 Так. Шар. 28:30

+ 6:13 Иш. 57:17, Ирм. 5:31, Ирм. 23:11, Мик. 3:11

+ 6:14 Ирм. 23:17, Ҳиз. 13:10, Мик. 3:5

+ 6:15 Саф. 2:1, Ирм. 8:10-12

+ 6:16 Ирм. 18:15, Мат. 11:29

+ 6:17 Ирм. 44:16

+ 6:19 Мас. 1:31

+ 6:20 3 Подш. 10:1, 2 Вак. 9:1, Иш. 1:13, Ом. 5:21, Мал. 1:10

+ 6:21 Ҳиз. 3:20, Ҳиз. 18:24

+ 6:22 Ирм. 1:13, Ирм. 50:41-43

+ 6:24 Иш. 13:8, Ирм. 4:31, Мик. 4:9-10

+ 6:25 Заб. 30:14, Ирм. 20:3, Ирм. 20:10, Ирм. 46:5

+ 6:26 Ом. 8:10, Зак. 12:10, Ирм. 48:8

+ 6:27 Ирм. 9:7, Ирм. 1:18

+ 6:30 Иш. 1:22, Иш. 1:25, Ҳиз. 22:19-20

+ 7:2 Ирм. 19:14, Ирм. 26:2

+ 7:3 Ирм. 18:11, Ирм. 26:13

+ 7:4 Иш. 48:1, Мик. 3:11

+ 7:5 Ирм. 22:3

+ 7:7 Ирм. 25:5

+ 7:9 Ирм. 5:2, Ҳуш. 4:2

+ 7:11 Мат. 21:13, Марқ. 11:17, Луқ. 19:46

+ 7:13 Мас. 1:24, Иш. 65:12, Иш. 66:4

+ 7:15 4 Подш. 17:6, 4 Подш. 17:23

+ 7:16 Хур. 32:10, Так. Шар. 9:14, Ирм. 11:14, Ирм. 14:11

+ 7:20 2 Вак. 34:25

+ 7:21 Ҳуш. 8:13

+ 7:22 1 Подш. 15:22

+ 7:23 Иб. 26:12, Ирм. 11:4, Так. Шар. 4:40, Так. Шар. 5:33, Так. Шар. 18:17

+ 7:24 Заб. 80:11-12

+ 7:25 2 Вак. 36:15

+ 7:26 Ирм. 16:12

+ 7:30 4 Подш. 21:4-5, Ирм. 32:34-35, Иб. 15:31, 2 Вак. 36:14, Ҳиз. 5:11

+ 7:31 Еҳ. 15:8, 4 Подш. 23:10, Ирм. 19:2, Так. Шар. 12:31

+ 7:33 Так. Шар. 28:26, Иш. 17:2

+ 7:34 Ваҳй 18:23, Иб. 26:31, Ирм. 16:9, Ирм. 25:10

+ 8:2 Так. Шар. 4:19, Ҳиз. 8:16, Ирм. 9:22, Ирм. 16:4, Ирм. 25:33

+ 8:3 Айюб 3:21, Ваҳй 9:6

+ 8:7 Ирм. 5:4

+ 8:8 Иш. 10:1

+ 8:10 Так. Шар. 28:30

+ 8:11 Ҳиз. 13:10, Мик. 3:5

+ 8:12 Саф. 2:1, Ирм. 6:12-15

+ 8:13 Иш. 1:30

+ 8:14 Ирм. 9:15, Ирм. 23:15, Нав. 3:15

+ 8:15 Айюб 30:26, Ирм. 14:19

+ 8:16 Айюб 39:20-25

+ 8:17 Ад. 21:6, Так. Шар. 32:24, Заб. 57:5-6, Воиз 10:11

+ 8:19 Мик. 4:9, Так. Шар. 32:21

+ 8:21 Ирм. 14:17

+ 8:22 Ирм. 46:11

+ 9:1 Ирм. 13:17, Нав. 1:2, Нав. 1:16

+ 9:2 Заб. 54:8

+ 9:3 Заб. 63:4, Дов. 2:10, Айюб 18:21, Ҳуш. 4:1, 2 Тас. 1:8

+ 9:4 Ирм. 12:6, Мик. 7:5

+ 9:7 Ирм. 6:27

+ 9:8 Заб. 27:3, Заб. 61:5, Мас. 26:23, Мик. 6:12

+ 9:9 Ирм. 5:9, Ирм. 5:29

+ 9:10 Юил 1:19-20, Ирм. 4:25

+ 9:11 Иш. 25:2, Ирм. 2:15, Ирм. 34:22, Ирм. 46:19

+ 9:15 Ирм. 8:14, Ирм. 23:15, Ваҳй 8:11

+ 9:16 Иб. 26:33, Так. Шар. 28:64, Ирм. 49:37

+ 9:17 Ом. 5:16

+ 9:18 Ирм. 14:17

+ 9:22 Ирм. 8:2

+ 9:23 Мас. 3:5, Мас. 21:30

+ 9:24 Яък. 1:9, 1 Қӯр. 1:31, 2 Қӯр. 10:17

+ 9:26 Ирм. 49:32, Так. Шар. 10:16, Ирм. 4:4

+ 10:4 Иш. 40:19-20, Иш. 41:7

+ 10:5 Заб. 113:12-15, Иш. 46:7, Иш. 41:23-24

+ 10:6 Хур. 15:11, Заб. 85:8

+ 10:7 Ирм. 5:22, Ваҳй 15:4

+ 10:9 3 Подш. 10:22

+ 10:11 Заб. 95:5

+ 10:12 Айюб 9:8, Заб. 103:2, Заб. 135:5, Мас. 3:19

+ 10:13 Айюб 38:22, Заб. 134:7, Ирм. 51:16

+ 10:14 Заб. 96:7, Иш. 42:17, Заб. 134:17, Ҳаб. 2:18-19, Рум. 1:25

+ 10:16 Ад. 18:20, Заб. 15:5, Так. Шар. 32:9, Ирм. 51:15-19

+ 10:19 Ирм. 14:17, Ирм. 30:12

+ 10:20 Ирм. 4:20

+ 10:21 Ҳиз. 34:2, Ҳиз. 34:5-6

+ 10:22 Ирм. 1:14, Ҳиз. 26:7

+ 10:23 Мас. 16:1, Мас. 20:24, Дон. 5:23

+ 10:24 Заб. 6:2, Заб. 37:2

+ 10:25 Ирм. 10:25, Ваҳй 16:1, Заб. 13:4, Заб. 78:6-7

+ 11:3 Так. Шар. 27:26

+ 11:4 Так. Шар. 4:20, 3 Подш. 8:51, Иб. 26:12, Ирм. 7:22

+ 11:5 Хур. 3:8, Ҳас. 17:2, Ҳас. 26:3

+ 11:8 Иб. 26:14-45, Так. Шар. 28:15-65

+ 11:9 Ҳиз. 22:25

+ 11:10 Так. Шар. 31:16

+ 11:11 1 Подш. 8:18, Мас. 1:28, Иш. 1:15, Ҳиз. 8:18, Мик. 3:4

+ 11:12 Иш. 57:13, Ирм. 2:28

+ 11:13 Ирм. 2:28

+ 11:14 Ирм. 7:16, Ирм. 14:11

+ 11:15 Мас. 2:14, Мас. 10:23, Мас. 15:21, Иш. 1:11-12

+ 11:16 Заб. 51:10, Рум. 11:17

+ 11:17 Иш. 5:2, Ирм. 2:21

+ 11:19 Иш. 53:7

+ 11:20 1 Подш. 16:7, Ирм. 17:10, Ирм. 20:12, Ваҳй 2:23, Ирм. 15:15, Ирм. 20:12

+ 11:21 Иш. 30:10, Ом. 2:11, Мик. 2:6, Ех. 21:18, Ирм. 1:1

+ 12:1 Эзр. 9:15, Дон. 9:7, Юҳ. 17:25, Ваҳй 16:5, Айюб 12:6, Айюб 21:7, Заб. 72:3, Заб. 91:8, Мас. 24:19, Ҳаб. 1:13, Мал. 3:15

+ 12:2 Иш. 29:13

+ 12:3 Заб. 16:3, Заб. 138:1

+ 12:4 Иш. 40:24, Ирм. 9:10, Ирм. 23:10, Юил 1:10, Рум. 8:22, Ирм. 4:25, Ҳуш. 4:3

+ 12:6 Ирм. 9:4, Мас. 26:25

+ 12:9 Иш. 46:11, Иш. 56:9, Ҳиз. 39:17, Ваҳй 19:17-18

+ 12:10 Иш. 5:1-2

+ 12:13 Так. Шар. 28:38, Мик. 6:15

+ 12:14 Ҳиз. 25

+ 12:15 Ирм. 48:47, Ирм. 49:6

+ 12:16 Ирм. 4:2

+ 13:1 Хур. 28:39, Иб. 16:4

+ 13:13 Иш. 51:17

+ 13:14 Зак. 11:6

+ 13:16 Иш. 5:30, Иш. 8:22, Ом. 8:9, Юҳ. 11:10, Юҳ. 12:35

+ 13:17 Ирм. 9:1, Зак. 10:3, Зак. 13:7

+ 13:18 4 Подш. 24:12, Ирм. 22:26, Айюб 19:9, Ирм. 13:18, Нав. 5:16

+ 13:20 Ирм. 1:14, Ирм. 6:22

+ 13:21 Иш. 13:8, Ирм. 4:31, Мик. 4:9-10

+ 13:22 Ирм. 5:19

+ 13:24 Заб. 1:4, Заб. 82:14

+ 13:25 Айюб 20:29

+ 13:26 Иш. 47:3, Наҳум 3:5, Ҳаб. 2:16

+ 13:27 Ирм. 5:8, Иш. 1:16

+ 14:2 Иш. 3:26

+ 14:4 Ирм. 3:3, Юил 1:11

+ 14:7 Заб. 24:11, Заб. 78:9

+ 14:8 Заб. 70:5, Ирм. 17:13

+ 14:10 Ҳуш. 8:13, Ҳуш. 9:9

+ 14:11 Ирм. 7:16, Ирм. 11:14

+ 14:12 Мас. 1:28, Иш. 1:15, Мик. 3:4, Ирм. 6:20, Так. Шар. 32:24, Ирм. 16:4, Ирм. 24:10, Ирм. 32:24, Ҳиз. 5:17, Ҳиз. 14:21

+ 14:13 Иш. 28:15, Ирм. 5:12

+ 14:14 Ирм. 5:31, Ҳиз. 13:6, Марқ. 13:6

+ 14:15 Так. Шар. 18:20

+ 14:16 Заб. 78:3

+ 14:17 Ирм. 13:17, Ирм. 8:21

+ 14:18 Ҳиз. 7:15

+ 14:19 Нав. 5:22, Ирм. 8:15

+ 14:20 Заб. 105:6, Дон. 9:5, Дон. 9:8

+ 14:21 Иб. 26:42

+ 14:22 Иб. 26:4, Ҳиз. 34:26, Зак. 10:1

+ 15:1 Хур. 32:11-14, 1 Подш. 7:10, Заб. 98:6

+ 15:2 Ирм. 43:11, Зак. 11:9, Ваҳй 13:10

+ 15:3 Иб. 26:16-22, Ваҳй 6:8

+ 15:4 4 Подш. 21:3-7, 4 Подш. 21:11, Ирм. 34:17

+ 15:5 Иш. 51:19, Наҳум 3:7

+ 15:9 1 Подш. 2:5, Ом. 8:9

+ 15:10 Айюб 3:3, Ирм. 20:14, Хур. 22:25

+ 15:13 Ирм. 17:2

+ 15:14 Ирм. 16:13, Так. Шар. 32:22

+ 15:15 Ирм. 11:20, Заб. 68:8

+ 15:16 Ҳиз. 3:1-3, Ваҳй 10:9-10, Заб. 118:111, Заб. 118:162

+ 15:17 Нав. 3:28

+ 15:18 Ирм. 30:12, Айюб 6:15

+ 15:20 Иш. 50:7, Ирм. 1:18, Ҳиз. 3:8-9, Ирм. 1:8

+ 16:4 Ирм. 8:2, Ирм. 25:33, Ирм. 14:12, Ҳиз. 5:17, Ҳиз. 14:21, Так. Шар. 28:26

+ 16:5 Ҳиз. 24:16

+ 16:6 Иб. 19:28, Так. Шар. 14:1

+ 16:9 Иш. 24:8, Ирм. 7:34, Ҳиз. 26:13, Ҳуш. 2:11, Ом. 8:10, Ваҳй 18:23

+ 16:10 Ирм. 5:19

+ 16:11 Так. Шар. 29:24-26, Ирм. 22:9

+ 16:12 Ирм. 7:26

+ 16:13 Так. Шар. 4:28, Так. Шар. 28:36

+ 16:15 Ирм. 23:7-8

+ 16:16 Ҳаб. 1:14-15

+ 16:17 2 Вак. 16:9, Заб. 89:8, Мас. 5:21, Ирм. 32:19

+ 16:18 Иш. 40:2, Ваҳй 18:6

+ 16:19 Заб. 27:7, Заб. 31:3, Ирм. 17:17, Ом. 2:4

+ 16:20 Иш. 37:19, 1 Қӯр. 8:4

+ 17:1 Айюб 19:24, Хур. 27:2

+ 17:2 Так. Шар. 16:21, Ирм. 15:13

+ 17:4 Так. Шар. 32:22

+ 17:5 Заб. 117:8, Заб. 145:3, Иш. 31:3

+ 17:6 Ирм. 48:6

+ 17:7 Заб. 70:5

+ 17:8 Заб. 1:3

+ 17:10 1 Вақ. 28:9, 1 Вақ. 29:17, Заб. 25:2, Мас. 17:3, Ирм. 32:19

+ 17:11 Заб. 38:7

+ 17:13 Заб. 70:5, Ирм. 14:18, Заб. 35:10, Ирм. 2:13, Юҳ. 4:10

+ 17:15 Иш. 5:19

+ 17:17 Ирм. 16:19

+ 17:18 Заб. 34:4, Заб. 39:15

+ 17:21 Наҳ. 13:15

+ 17:22 Хур. 20:8

+ 17:25 Ирм. 22:4

+ 17:26 Иб. 7:12, 2 Вақ. 33:16

+ 17:27 Ҳиз. 20:48, Ҳуш. 8:14, Ом. 2:5

+ 18:1 Зак. 11:13

+ 18:3 Мат. 27:9-10

+ 18:6 Айюб 10:9, Айюб 33:6, Иш. 29:16, Иш. 45:9, Иш. 64:8, Рум. 9:20-24

+ 18:7 Ирм. 1:10, Ирм. 31:28, Ирм. 42:10

+ 18:8 Хур. 32:14, 2 Подш. 24:16, Ҳиз. 18:21, Юн. 3:10

+ 18:10 1 Подш. 2:30

+ 18:11 Ирм. 36:3, Юн. 3:8, Ирм. 7:3, Ирм. 26:13

+ 18:12 Ирм. 2:25

+ 18:15 Ирм. 2:31, Ирм. 6:16

+ 18:16 Ирм. 25:9, Иб. 26:32

+ 18:17 Ҳуш. 13:15

+ 18:18 Ирм. 11:19

+ 18:20 Заб. 34:12, Мас. 17:13, Заб. 118:85

+ 18:21 Заб. 108:9-10

+ 18:22 Заб. 139:6

+ 18:23 Заб. 63:3, Наҳ. 4:5, Заб. 68:28

+ 19:1 Ирм. 18:2

+ 19:2 Еҳ. 15:8, 4 Подш. 23:10, Ирм. 7:31-32

+ 19:3 1 Подш. 3:11, 4 Подш. 21:12

+ 19:4 4 Подш. 21:16, 4 Подш. 24:4, Ирм. 2:34

+ 19:5 Иб. 18:21, Так. Шар. 12:31

+ 19:7 Так. Шар. 28:26, Ирм. 7:33

+ 19:8 Саф. 2:15

+ 19:9 Иб. 26:29, Так. Шар. 28:53, Нав. 2:20, Нав. 4:10, Ҳиз. 5:10

+ 19:11 Заб. 2:9, Иш. 30:14, Ирм. 7:32

+ 19:13 Так. Шар. 4:19, Ирм. 32:29, Саф. 1:5

+ 19:14 Ирм. 7:2, Ирм. 26:2

+ 20:2 Ирм. 29:26

+ 20:3 Ирм. 6:25

+ 20:5 4 Подш. 24:13-14

+ 20:6 Ирм. 14:14

+ 20:7 Ҳиз. 14:9, Заб. 118:50, Нав. 3:14

+ 20:9 Айюб 32:20, Заб. 38:3, Ирм. 6:11

+ 20:10 Ирм. 6:25, Ирм. 46:5

+ 20:11 Ирм. 1:8, Ирм. 23:40

+ 20:12 1 Подш. 16:7, Ирм. 11:20, Ваҳй 2:23, Ирм. 15:15

+ 20:13 Заб. 108:30-31

+ 20:14 Айюб 3:3, Ирм. 15:10

+ 20:16 Ҳас. 19:24-25

+ 20:17 Айюб 3:10-11

+ 20:18 Айюб 3:20

+ 21:1 Ирм. 38:1, 4 Подш. 25:18, Ирм. 29:25, Ирм. 37:3, Ирм. 52:24

+ 21:2 4 Подш. 25:1, Заб. 104:2

+ 21:5 Ҳиз. 20:33

+ 21:7 Ирм. 37:17, Ирм. 39:5, Ирм. 52:9, Так. Шар. 28:50, Ҳиз. 5:11

+ 21:8 Так. Шар. 30:15

+ 21:9 Ирм. 38:2, Ирм. 39:18, Ирм. 45:5

+ 21:10 2 Вак. 36:19

+ 21:11 Иш. 1:17, Мик. 6:8, Зак. 7:9-10, Ирм. 4:4

+ 21:13 Ирм. 49:4

+ 21:14 Ҳиз. 20:47

+ 22:3 Иш. 1:17, Ирм. 7:5-6, Ирм. 21:12

+ 22:4 Ирм. 17:25

+ 22:5 Ирм. 44:6, Ирм. 49:13

+ 22:7 Иш. 37:24, Ирм. 6:6

+ 22:8 Иб. 26:32, 3 Подш. 9:8, 2 Вак. 7:21

+ 22:9 Так. Шар. 29:24-26, Ирм. 16:11

+ 22:10 2 Вак. 35:24-25

+ 22:12 4 Подш. 23:34

+ 22:13 Иб. 19:13, Так. Шар. 24:15, Ҳаб. 2:12

+ 22:15 4 Подш. 23:25, Иш. 3:10

+ 22:16 Мас. 31:9

+ 22:18 4 Подш. 23:36

+ 22:19 Ирм. 36:30

+ 22:20 Ад. 27:12, Так. Шар. 32:49

+ 22:23 Ирм. 4:31

+ 22:24 Иш. 49:18, Ҳиз. 5:11, Саф. 2:9, Рум. 14:11, Эст. 8:8, Сур. Сур. 8:6, Ҳач. 2:23, 4 Подш. 24:8-12, Ирм. 24:1

+ 22:26 4 Подш. 24:12, Ирм. 13:18

+ 22:28 Ирм. 48:38

+ 22:29 Иш. 1:2

+ 22:30 Ирм. 36:30

+ 23:1 Ҳиз. 34:1-10, Зак. 11:16-17

+ 23:3 Так. Шар. 30:3, Ирм. 32:37, Ҳиз. 34:13

+ 23:4 Ирм. 3:15

+ 23:5 Ҳуш. 3:5, Ҳиз. 34:23

+ 23:6 Ирм. 32:37, Ҳиз. 28:26, Ирм. 33:14-16

+ 23:8 Ирм. 16:14-15

+ 23:11 Ирм. 6:13, Ирм. 7:30, Ирм. 32:34, Саф. 3:4

+ 23:12 Заб. 34:6, Заб. 72:18, Мас. 4:19

+ 23:13 Ирм. 2:8

+ 23:14 Ирм. 29:23, Ҳиз. 13:22, Ҳас. 18:20, Ҳас. 19:24, Иш. 1:10, Ҳиз. 16:46

+ 23:15 Ирм. 8:14, Ирм. 9:15, Ваҳй 8:11

+ 23:16 Ҳиз. 13:2

+ 23:17 Ирм. 6:14, Ҳиз. 13:10, Мик. 3:5

+ 23:18 Айюб 15:8

+ 23:19 3 Подш. 19:11, Ҳиз. 1:4

+ 23:20 Ирм. 30:23-24

+ 23:21 Ирм. 5:31, Ирм. 14:14, Ҳиз. 13:6

+ 23:23 Заб. 138:7-12

+ 23:24 Иш. 66:1

+ 23:25 Так. Шар. 13:1, Зак. 10:2

+ 23:27 Дов. 3:27

+ 23:30 Так. Шар. 18:20, Ирм. 14:15, Ҳиз. 13:8

+ 23:32 Мик. 3:5

+ 23:40 Ирм. 20:11

+ 24:1 Ом. 8:1, Мик. 7:1, 4 Подш. 24:12-15, Ҳиз. 17:12

+ 24:2 Ирм. 29:16

+ 24:6 Ирм. 31:28, Ирм. 42:10

+ 24:7 Так. Шар. 30:6, Ирм. 32:39

+ 24:8 Ирм. 21:1

+ 24:9 Так. Шар. 28:37

+ 24:10 Ирм. 14:12, Ҳиз. 5:17, Ҳиз. 14:21

+ 25:1 4 Подш. 24:1, Ирм. 36:1, Дон. 1:1

+ 25:3 Ирм. 1:2, Ирм. 7:13, Ирм. 26:5

+ 25:4 2 Вак. 24:19

+ 25:5 Ирм. 7:7

+ 25:6 Хур. 20:3-4

+ 25:9 Ирм. 1:15, Ирм. 27:6, Ирм. 43:10, Ирм. 18:16

+ 25:10 Воиз 12:4, Ирм. 7:34

+ 25:11 Ирм. 29:10, Дон. 9:2, Зак. 1:12, Зак. 7:5

+ 25:13 Ирм. 46

+ 25:14 Ирм. 27:7, Ирм. 50:9, Ирм. 51:28

+ 25:15 Заб. 74:8, Иш. 51:17, Уб. 1:16, Ваҳй 14:10

+ 25:16 Ирм. 47:6

+ 25:17 Иш. 51:22, Наҳум 3:11

+ 25:19 Ирм. 46:25

+ 25:20 Ҳас. 22:21, Айюб 1:1, Нав. 4:21, Ирм. 47:1

+ 25:21 Ирм. 48

+ 25:22 Иш. 23:1, Ирм. 27:3, Ирм. 47:4

+ 25:23 Ҳас. 22:21, Иш. 21:13, Ирм. 49:8

+ 25:25 Ирм. 49:34-39

+ 25:27 Ҳиз. 38:21

+ 25:28 Ирм. 49:12

+ 25:29 1 Пет. 4:17, Ҳиз. 38:22

+ 25:30 Юил 3:16, Ом. 1:2

+ 25:32 Ирм. 23:19, Ирм. 30:23

+ 25:33 Иш. 66:16, Ирм. 8:2, Ирм. 16:4

+ 25:34 Ирм. 4:8

+ 26:1 4 Подш. 23:36

+ 26:2 Ирм. 7:2, Ирм. 19:14, Так. Шар. 4:2, Ваҳй 22:18

+ 26:3 Ирм. 18:8, Ирм. 36:3, Юн. 3:10

+ 26:4 Иб. 26:14, Так. Шар. 28:15

+ 26:5 Ирм. 25:3-4

+ 26:10 Ирм. 36:10

+ 26:13 Ирм. 7:3, Ирм. 18:11, Так. Шар. 30:2-3, Юн. 3:10

+ 26:14 Еҳ. 9:25

+ 26:17 Аъм. 5:34

+ 26:18 Мик. 3:12

+ 26:19 2 Вак. 32:26, Хур. 32:14

+ 26:20 Еҳ. 9:17, 1 Подш. 7:1

+ 26:21 4 Подш. 23:36

+ 26:22 Ирм. 36:12, Ирм. 36:25

+ 26:24 4 Подш. 22:12

+ 27:1 4 Подш. 24:18

+ 27:2 Ирм. 28:10

+ 27:3 Ирм. 25:21-22

+ 27:5 Иш. 45:12, Дон. 4:14

+ 27:6 Иш. 44:28, Иш. 45:1, Ирм. 25:9, Ирм. 43:10, Дон. 2:38, Дон. 4:19

+ 27:7 Ирм. 52:31, Ирм. 25:12-14

+ 27:8 Ирм. 28:10, Ҳиз. 34:27, Ирм. 14:20

+ 27:9 Ирм. 29:8

+ 27:10 Ирм. 5:31

+ 27:12 Ирм. 38:17

+ 27:13 Ирм. 14:12

+ 27:16 Ирм. 28:3

+ 27:19 4 Подш. 24:14-15

+ 27:22 4 Подш. 25:13, Эзр. 1:7, Ирм. 29:10

+ 28:1 4 Подш. 24:18, Еҳ. 9:3, Еҳ. 21:17

+ 28:2 Так. Шар. 28:48, Ирм. 27:8

+ 28:3 Ирм. 27:16

+ 28:9 Ирм. 6:14, Так. Шар. 18:22

+ 28:10 Ирм. 27:2

+ 28:14 Ирм. 27:6

+ 28:15 Ирм. 29:31-32

+ 29:1 Ҳиз. 8:1

+ 29:2 4 Подш. 24:12, Ирм. 24:1

+ 29:7 Эзр. 6:10, 1 Тим. 2:1-2

+ 29:8 Ирм. 27:9, Ирм. 27:15

+ 29:9 Ирм. 5:31

+ 29:10 Ирм. 25:11-12, Дон. 9:2, Зак. 1:12, 2 Вак. 36:22, Эзр. 1:1

+ 29:12 3 Подш. 8:48, 2 Вак. 6:38, Дон. 9:3

+ 29:13 1 Вақ. 28:9, 2 Вақ. 15:2, Иш. 55:6

+ 29:14 Так. Шар. 4:29, Так. Шар. 30:3

+ 29:16 Ирм. 24:3, Ирм. 24:8

+ 29:18 Ирм. 14:12, Ирм. 15:4, Ирм. 18:16

+ 29:19 2 Вақ. 24:19, Ирм. 25:4

+ 29:21 Ирм. 5:31

+ 29:22 Иш. 65:15

+ 29:23 Ирм. 23:14

+ 29:24 4 Подш. 25:18, Ирм. 21:1

+ 29:26 4 Подш. 9:11, Ҳуш. 9:7, Ирм. 20:2

+ 29:31 Ирм. 28:15-16

+ 30:2 Ирм. 36:2, Ҳаб. 2:2, Зак. 5:1

+ 30:3 Так. Шар. 30:3, Ирм. 29:14, Ирм. 12:15, Ҳиз. 20:42

+ 30:6 Иш. 13:8, Юил 2:6, Наҳум 2:10

+ 30:7 Юил 2:11, Саф. 1:14, Дон. 12:1

+ 30:8 Ирм. 2:20, Ирм. 27:8, Ҳиз. 34:27

+ 30:9 Ҳиз. 23:5, Ҳиз. 34:23-24, Ҳиз. 37:24

+ 30:10 Иш. 41:8, Иб. 26:6, Ирм. 46:27, Ҳиз. 39:26, Мик. 4:4

+ 30:11 Ирм. 46:27-28

+ 30:12 Ирм. 15:18

+ 30:16 Иш. 33:1

+ 30:17 Ирм. 3:22, Ирм. 33:6, Ҳуш. 6:1

+ 30:19 Ҳиз. 36:10

+ 30:22 Иб. 26:12

+ 30:23 3 Подш. 19:11, Ҳиз. 1:4

+ 30:24 Ирм. 23:19-20

+ 31:3 Так. Шар. 7:8, Мал. 1:2

+ 31:4 Хур. 15:20

+ 31:5 Иш. 65:21

+ 31:6 Иш. 2:3

+ 31:8 Ирм. 3:18

+ 31:9 Ирм. 50:4, Хур. 4:22, Ҳуш. 11:1, Мал. 1:6

+ 31:10 Иш. 40:11

+ 31:11 Хур. 13:13, Иб. 25:49, Иш. 49:24

+ 31:12 Иш. 58:11

+ 31:13 Заб. 29:12

+ 31:15 Мат. 2:18

+ 31:18 Нав. 5:21

+ 31:20 Хур. 4:22, Ҳуш. 11:1, Мал. 1:6

+ 31:22 Ирм. 49:4

+ 31:23 Ирм. 29:14, Заб. 121:6

+ 31:27 Иш. 49:19, Ҳиз. 36:11, Зак. 2:4, Зак. 10:8

+ 31:28 Ирм. 1:10, Ирм. 18:7, Ирм. 24:6, Ирм. 42:10

+ 31:29 Нав. 5:7, Ҳиз. 18:2-4

+ 31:30 Так. Шар. 24:16

+ 31:31 Луқ. 22:20, 2 Қӯр. 3:6

+ 31:32 Ирм. 3:14

+ 31:33 Ирм. 32:40, Ҳиз. 37:26, Так. Шар. 6:6, Иш. 51:7, Рум. 2:15-16, Иб. 26:12

+ 31:34 Ҳуш. 2:20, Иш. 43:25, Ибр. 8:8-12, Ибр. 10:16-17

+ 31:35 Ҳас. 1:16, Айюб 38:33, Иш. 51:15

+ 31:36 Ирм. 33:20-26

+ 31:37 Ирм. 33:26, Рум. 11:1

+ 31:38 Наҳ. 3:1, 4 Подш. 14:13

+ 31:40 Ирм. 7:31-32, 2 Вак. 23:15, Наҳ. 3:28

+ 32:1 4 Подш. 24:18

+ 32:2 4 Подш. 25:1, Наҳ. 3:25

+ 32:5 Ирм. 21:10, Ирм. 34:3, Ирм. 38:3

+ 32:7 Ирм. 22:11, Еҳ. 21:18, Ирм. 1:1, Иб. 25:25, Ад. 27:11

+ 32:8 Иб. 25:25, Ад. 27:11, Рут 4:4

+ 32:12 Ирм. 36:4, Ирм. 43:3, Ирм. 45:1

+ 32:17 Ҳас. 18:14, Айюб 42:2, Мат. 19:26

+ 32:18 Хур. 20:5, Хур. 34:7, Так. Шар. 5:9

+ 32:19 2 Вак. 16:9, Ирм. 16:17, Ирм. 17:10

+ 32:20 Заб. 134:9

+ 32:21 Хур. 6:6, Так. Шар. 4:34

+ 32:22 Хур. 3:8, Так. Шар. 26:15

+ 32:23 Дон. 9:10-14

+ 32:24 Ирм. 14:12, Ҳиз. 5:17

+ 32:26 Ҳас. 18:14

+ 32:29 2 Вак. 36:19, Ирм. 21:10, Ирм. 19:13, Саф. 1:5

+ 32:30 Ирм. 3:25

+ 32:32 Ирм. 2:26

+ 32:34 4 Подш. 21:4-5, Ирм. 7:30-31, Ирм. 23:11

+ 32:35 Иб. 18:21, Так. Шар. 18:10, Так. Шар. 12:31

+ 32:36 Ирм. 21:10

+ 32:37 Так. Шар. 30:3, Иш. 11:12, Ҳиз. 11:17, Саф. 3:20, Ирм. 23:6, Ҳиз. 28:26

+ 32:38 Иб. 26:12

+ 32:39 Ҳиз. 11:19

+ 32:40 Иш. 55:3, Ирм. 31:33, Ҳиз. 16:60

+ 32:41 Иш. 62:5, Саф. 3:17, Так. Шар. 28:63

+ 32:42 Зак. 8:15

+ 32:44 Ирм. 29:14

+ 33:1 Ирм. 32:2

+ 33:3 Иш. 48:6

+ 33:4 Так. Шар. 31:17

+ 33:6 Ирм. 3:22, Ирм. 30:17, Ҳуш. 6:1

+ 33:7 Ирм. 29:14

+ 33:8 Иб. 16:30, Ҳиз. 36:25, Зак. 13:1

+ 33:10 Ирм. 32:43

+ 33:11 Ирм. 7:34, Ирм. 16:9, Заб. 105:1

+ 33:15 Ҳуш. 3:5, Ҳиз. 34:23

+ 33:16 Ирм. 32:37, Ҳиз. 28:26, Ирм. 23:5-6

+ 33:17 2 Подш. 7:16

+ 33:19 Ҳас. 8:22

+ 33:21 Заб. 88:34

+ 33:22 Ҳас. 15:5, Ҳас. 22:17, 3 Подш. 4:20

+ 33:25 Заб. 73:17, Заб. 103:19

+ 33:26 Ирм. 31:37, Ирм. 29:14

+ 34:1 4 Подш. 25:1, Ирм. 39:1, Ирм. 52:4

+ 34:2 4 Подш. 24:18, Ирм. 32:1, Ирм. 21:10

+ 34:3 Ирм. 32:3-5

+ 34:5 Ирм. 38:20, Ирм. 39:7, 2 Вак. 16:14

+ 34:7 Еҳ. 10:3, Еҳ. 10:10

+ 34:9 Иб. 25:39-46

+ 34:13 Хур. 20:2, Иб. 26:13

+ 34:14 Хур. 21:2, Так. Шар. 15:12

+ 34:17 Ирм. 14:12, Ирм. 15:4

+ 34:20 Так. Шар. 28:26, Ирм. 7:33

+ 34:21 Ирм. 37:5, Ирм. 37:11

+ 34:22 Ирм. 37:8, Ирм. 4:7

+ 35:1 4 Подш. 23:36, Ирм. 25:1

+ 35:2 1 Вақ. 2:55, 1 Вақ. 9:26, 1 Вақ. 9:33

+ 35:6 4 Подш. 10:15, 4 Подш. 10:23

+ 35:11 4 Подш. 24:1, Ирм. 46:2

+ 35:15 Хур. 20:3, Ирм. 18:11, Ирм. 25:5

+ 35:17 Иш. 50:2

+ 36:1 4 Подш. 24:1, Ирм. 25:1, Ирм. 45:1

+ 36:2 Ирм. 30:1, Ҳаб. 2:2, Зак. 5:1, Ирм. 1:2

+ 36:3 Ҳиз. 12:3, Ирм. 18:11, Ирм. 26:3, Юн. 3:10

+ 36:4 Ирм. 32:12

+ 36:9 Эзр. 8:21, 2 Вақ. 20:3, Юн. 3:5

+ 36:10 Ирм. 26:10, 1 Вақ. 9:26, 1 Вақ. 9:33

+ 36:12 Ирм. 26:22

+ 36:22 Ом. 3:15

+ 36:24 Еҳ. 7:6

+ 36:26 Ирм. 26:20-23

+ 36:29 Ирм. 26:9

+ 36:30 Ирм. 22:30, 4 Подш. 22:19

+ 37:1 4 Подш. 24:17, Ҳиз. 17:13

+ 37:2 2 Вак. 36:12

+ 37:3 Ирм. 38:1, Ирм. 21:1

+ 37:4 Ирм. 32:2

+ 37:5 Ирм. 34:21

+ 37:6 Нав. 4:17

+ 37:8 Ирм. 34:22

+ 37:13 Зак. 14:10, Ирм. 38:19

+ 37:15 Ирм. 38:6

+ 37:17 Ирм. 21:7

+ 37:19 Ирм. 28:2

+ 37:21 Ирм. 32:2, Ирм. 38:9, Ирм. 52:6

+ 38:1 Ирм. 37:3, Ирм. 21:1

+ 38:2 Так. Шар. 30:15, Ирм. 21:9

+ 38:3 Ирм. 32:3

+ 38:4 Ирм. 26:11, Ирм. 37:15

+ 38:5 2 Подш. 3:39

+ 38:6 Ҳас. 37:24, Зак. 9:11, Заб. 68:15

+ 38:7 Ирм. 39:16, Аъм. 8:27, Ирм. 37:13

+ 38:9 Ирм. 52:6

+ 38:17 Ирм. 27:12

+ 38:18 Ирм. 21:10

+ 38:19 Ирм. 37:13

+ 38:20 Ирм. 34:5

+ 38:22 Ирм. 38:6

+ 38:23 Ирм. 39:6

+ 38:26 Ирм. 37:20

● 39:1 *4 Подш. 25:1-21, Ирм. 52:4-16*

+ 39:1 Так. Шар. 28:52

+ 39:2 Ирм. 1:3

+ 39:5 Ех. 5:10, Ад. 34:11, 4 Подш. 23:33, Ирм. 21:7

+ 39:7 Ирм. 34:4-5

+ 39:8 Ирм. 21:10, Ҳиз. 16:41, Наҳ. 1:3

+ 39:9 Ирм. 40:1, Ирм. 52:12

+ 39:14 4 Подш. 22:12, Ирм. 26:24, Ирм. 40:5

+ 39:15 Ирм. 32:2, Ирм. 33:1

+ 39:16 Ирм. 38:7

+ 39:17 Ирм. 22:25

+ 39:18 Ирм. 21:9

+ 40:1 Ирм. 39:11, Ех. 18:25, Ирм. 31:15

+ 40:2 Так. Шар. 29:24-28

+ 40:3 Ирм. 44:23, Дон. 9:10-12

+ 40:5 4 Подш. 22:12

+ 40:6 Ех. 18:26

● 40:7 *4 Подш. 25:22-26*

+ 40:7 4 Подш. 22:12, Ирм. 39:14, Ирм. 40:5

+ 40:8 Ех. 18:26

+ 40:13 Ирм. 40:8, Ирм. 42:1, Ирм. 43:2

+ 41:1 Ех. 18:26, Ирм. 40:14

+ 41:2 4 Подш. 25:25

+ 41:5 Ех. 17:7, Ех. 18:1, 3 Подш. 16:24

+ 41:9 3 Подш. 15:16

+ 41:11 Ирм. 40:15

+ 41:12 2 Подш. 2:13

+ 41:15 Ирм. 40:14

+ 42:1 Ирм. 40:13

+ 42:2 1 Подш. 7:8, 1 Подш. 12:19

+ 42:5 Ҳас. 31:50, Дов. 11:10

+ 42:6 Ирм. 7:23

+ 42:10 Ирм. 24:6, Ирм. 31:28

+ 42:14 Ирм. 4:19, Ирм. 43:7

+ 42:16 Ҳиз. 11:8

+ 43:2 Ирм. 40:13, Ирм. 42:1, Ирм. 42:19

+ 43:3 Ирм. 32:12

+ 43:6 Ирм. 39:10, Ирм. 40:7, Ирм. 40:5

+ 43:7 Ирм. 2:16

+ 43:10 Иш. 44:28, Иш. 45:1, Ирм. 25:9, Ирм. 27:6

+ 43:11 Ирм. 44:13, Ирм. 15:2, Зак. 11:9, Ваҳй 13:10

+ 43:12 Ирм. 46:25, Ҳиз. 30:13

+ 44:1 Ирм. 43:8, Ирм. 46:14

+ 44:3 Так. Шар. 16:14, Ирм. 19:4

+ 44:4 2 Вак. 36:15-16

+ 44:9 3 Подш. 11:8, 4 Подш. 11:1

+ 44:12 Ирм. 42:15-17

+ 44:13 Ирм. 43:11

+ 44:16 Ирм. 6:17, Ирм. 42:13-14

+ 44:17 Ирм. 19:13

+ 44:22 Ҳиз. 8:6, 4 Подш. 22:19

+ 44:23 Ирм. 40:3

+ 44:27 Ирм. 31:28

+ 44:28 Ҳиз. 6:8

+ 44:30 Ирм. 46:17, Ҳиз. 30:21

+ 45:1 Ирм. 32:12, 4 Подш. 24:1, Ирм. 36:1, Ирм. 36:23

+ 45:2 Ирм. 36:26

+ 45:5 Ирм. 21:9, Ирм. 39:18

+ 46:1 Ирм. 25:13

+ 46:2 Иш. 19:1, Ҳиз. 29:1, Юил 3:19, 4 Подш. 23:29, 2 Вак. 35:20, Ирм. 25:1, Ирм. 36:1, Ирм. 45:1

+ 46:5 Ирм. 6:25, Ирм. 20:10

+ 46:10 Иш. 13:19, Юил 1:15, Саф. 1:7, Иш. 1:24, Так. Шар. 32:42, Ирм. 46:2

+ 46:11 Ирм. 8:22, Ҳиз. 30:21

+ 46:12 Наҳум 2:5

+ 46:14 Ирм. 2:16, Ирм. 44:1, Ҳиз. 30:13

+ 46:16 Иб. 26:37

+ 46:17 Иш. 30:7

+ 46:18 Ирм. 4:2, Дов. 4:6, 3 Подш. 18:42, Ирм. 48:15

+ 46:19 Ҳиз. 29:12, Ҳиз. 30:23, Ирм. 2:15, Ирм. 9:11, Ирм. 44:1

+ 46:20 Ҳуш. 10:11

+ 46:24 Ирм. 1:14-15

+ 46:25 Ҳиз. 30:14, Наҳум 3:8, Ирм. 25:19

+ 46:26 Иш. 19:22, Ҳиз. 29:13

+ 46:27 Иш. 41:8, Ирм. 30:10, Иб. 26:6, Ҳиз. 39:26, Мик. 4:4

+ 46:28 Ирм. 30:10-11

+ 47:1 Иш. 14:29, Ирм. 25:20, Ҳиз. 25:15, Юил 3:4, Ом. 1:6, Саф. 2:4, Зак. 9:5

+ 47:2 Ирм. 1:14, Ҳиз. 26:7

+ 47:4 Иш. 23:1, Ҳиз. 26:2, Юил 3:4, Ом. 1:9, Зак. 9:4, Ҳас. 10:14, Ом. 9:7

+ 47:6 Так. Шар. 32:41, Ирм. 25:16

+ 47:7 Ҳиз. 14:17

+ 48:1 Иш. 15:1, Иш. 25:10, Ирм. 25:21, Ҳиз. 25:8, Ом. 2:1, Саф. 2:8, Ад. 32:3, Ад. 32:37-38

+ 48:5 Иш. 15:5

+ 48:6 Ирм. 17:6

+ 48:7 Ад. 21:29, Ирм. 49:3-4

+ 48:8 Ирм. 6:26

+ 48:11 Саф. 1:12

+ 48:13 Иш. 16:14

+ 48:15 Ирм. 46:18

+ 48:18 Ад. 21:30

+ 48:19 Так. Шар. 2:35, Еҳ. 13:9

+ 48:26 Ирм. 25:27, Ирм. 51:39, Иш. 19:14

+ 48:27 Саф. 2:8

+ 48:28 Сур. Сур. 2:14

+ 48:29 Иш. 16:6

+ 48:31 Иш. 16:7-10

+ 48:32 Ад. 21:32

+ 48:34 Ад. 32:37, Иш. 15:4

+ 48:37 Ирм. 47:5

+ 48:38 Ирм. 22:28

+ 48:40 Так. Шар. 28:49, Ирм. 49:22, Ҳиз. 17:3

+ 48:41 Ирм. 49:22

+ 48:43 Иш. 24:17-18

+ 48:44 Ом. 5:19

+ 48:45 Ад. 24:17

+ 48:46 Ад. 21:28-29

+ 48:47 Ирм. 12:15, Ирм. 49:6, Ирм. 49:39

+ 49:1 Ҳиз. 21:28, Ҳиз. 25:1, Ом. 1:13, Саф. 2:8, 3 Подш. 11:5, 3 Подш. 11:33

+ 49:2 Так. Шар. 3:11, 2 Подш. 12:26

+ 49:3 Ирм. 48:2, Ирм. 48:6-7, Ом. 1:15

+ 49:4 Ирм. 31:22, Ирм. 21:13

+ 49:6 Ирм. 12:15, Ирм. 48:47, Ирм. 49:39

● *49:7 Уб. 1:1-9*

\+ 49:7 Иш. 34:5, Ҳиз. 25:12-14, Ҳиз. 35, Ом. 1:11-12, Уб. 1:1-16, Мал. 1:3-4, Ҳас. 36:15, Айюб 2:11

\+ 49:8 Ҳас. 25:3, Ирм. 25:23

\+ 49:12 Ирм. 25:28-29

\+ 49:13 Ирм. 22:5, Ирм. 48:24

\+ 49:16 Ад. 24:21, Ҳаб. 2:9

\+ 49:17 Ҳиз. 35:3, Ҳиз. 35:7, Ҳиз. 35:9

\+ 49:18 Ҳас. 19:24, Так. Шар. 29:23, Саф. 2:9, Ирм. 50:40

\+ 49:19 Ирм. 12:5, Айюб 9:19, Ирм. 50:44-46

\+ 49:20 Иш. 14:24

\+ 49:22 Так. Шар. 28:49, Ҳиз. 17:3, Ирм. 48:40-41

\+ 49:23 Иш. 17:1, Ом. 1:3, Зак. 9:1, 4 Подш. 18:34

\+ 49:24 Ирм. 48:41

\+ 49:26 Ирм. 50:30

\+ 49:27 3 Подш. 15:18, 4 Подш. 6:24, Ирм. 17:27, Ом. 1:4

+ 49:28 Заб. 119:5, Иш. 21:16, Иш. 60:7, Иш. 11:14

+ 49:29 Айюб 15:21, Ирм. 6:25

+ 49:31 Дов. 18:9-10, Ҳиз. 38:11

+ 49:32 Ирм. 9:26

+ 49:33 Ирм. 9:11

+ 49:34 4 Подш. 24:18, Ҳас. 14:1, Иш. 21:2, Ҳиз. 32:24, Дон. 8:2, Ирм. 25:25

+ 49:36 Дон. 7:2, Ваҳй 7:1

+ 49:37 Ирм. 9:16

+ 49:39 Ирм. 12:15, Ирм. 48:47, Ирм. 49:6

+ 50:1 Иш. 13:1, Иш. 21:1, Иш. 47:1

+ 50:2 Иш. 46:1, Ирм. 51:44, 1 Подш. 5:4, Иш. 21:9

+ 50:3 Ирм. 1:15, Ирм. 51:62

+ 50:4 Иш. 11:13, Ирм. 3:18, Ҳиз. 37:19, Ҳуш. 1:11, Ирм. 31:9, Ҳуш. 3:5

+ 50:5 Ирм. 32:40

+ 50:6 Заб. 118:176, Иш. 53:6, Зак. 10:2, 1 Пет. 2:25, Ҳиз. 34:2

+ 50:8 Иш. 48:20, Ирм. 51:6, Ирм. 51:45, Зак. 2:6-7, Ваҳй 18:4

+ 50:9 Ирм. 25:12-14

+ 50:13 Ирм. 18:16

+ 50:14 Иш. 21:2

+ 50:15 Ирм. 51:58, Заб. 136:8, Ваҳй 18:6

+ 50:16 Иш. 13:14

+ 50:17 Иш. 53:6, Зак. 10:2, 4 Подш. 17:6, 4 Подш. 25:1

+ 50:18 Иш. 10:12, Иш. 14:25

+ 50:19 Ҳиз. 34:13, Мик. 7:14

+ 50:20 Иш. 33:24

+ 50:21 Ҳиз. 23:23

+ 50:22 Ирм. 51:54

+ 50:23 Ирм. 51:20

+ 50:25 Иш. 13:5

+ 50:28 Ирм. 51:11

+ 50:29 Иш. 13:18, Ҳиз. 35:15, Уб. 1:15, Ҳаб. 2:8

+ 50:30 Ирм. 49:26

+ 50:32 Ирм. 17:27

+ 50:33 Иш. 14:17, Иш. 42:22

+ 50:37 Иш. 19:16, Ирм. 51:30, Наҳум 3:13

+ 50:38 Иш. 44:27

+ 50:39 Айюб 30:29, Иш. 13:21, Иш. 34:13, Мик. 1:8

+ 50:40 Ҳас. 19:24, Так. Шар. 29:23, Саф. 2:9, Ирм. 49:19

+ 50:41 Ирм. 1:15, Ирм. 6:22-24

+ 50:43 Иш. 13:8, Ирм. 4:31, Мик. 4:9-10

+ 50:44 Ирм. 12:5, Айюб 9:19, Ирм. 49:19-21

+ 50:45 Иш. 14:24

+ 51:1 Ирм. 4:11, Ҳуш. 4:19, Ҳуш. 13:15

+ 51:4 Ирм. 49:26

+ 51:5 Иш. 54:7

+ 51:6 Ирм. 50:8, Ҳас. 19:15

+ 51:7 Ваҳй 14:8, Ваҳй 17:2, Нав. 4:21, Ҳаб. 2:15

+ 51:8 Ваҳй 14:8, Ваҳй 18:9

+ 51:11 Иш. 13:17, Дон. 5:31, Ирм. 50:28

+ 51:13 Ваҳй 17:1

+ 51:14 Ом. 6:8

+ 51:15 Айюб 9:8, Заб. 103:2

+ 51:16 Айюб 38:22, Заб. 134:7, Ирм. 51:16

+ 51:17 Иш. 42:17, Заб. 134:17, Ҳаб. 2:18-19

+ 51:19 Ад. 18:20, Заб. 15:5, Так. Шар. 32:9, Ирм. 10:12-16

+ 51:20 Ирм. 50:23

+ 51:27 Ирм. 4:5, Ҳуш. 5:8, Ҳуш. 8:1, Ҳас. 8:4, 4 Подш. 19:37

+ 51:28 Иш. 13:17, Ирм. 25:14

+ 51:29 Ирм. 50:45

+ 51:30 Иш. 19:16, Наҳум 3:13, Ом. 1:5

+ 51:33 Иш. 21:10

+ 51:34 Заб. 73:13-14

+ 51:36 Иш. 44:27

+ 51:37 Иш. 13:20-22

+ 51:38 Наҳум 2:11-12

+ 51:43 Ирм. 50:12, Ирм. 50:40

+ 51:44 Иш. 46:1, Ирм. 50:2

+ 51:45 Ирм. 50:8

+ 51:47 Ирм. 50:2

+ 51:48 Ваҳй 18:20

+ 51:51 Нав. 1:10

+ 51:52 Ҳиз. 26:15

+ 51:53 Иш. 14:13

+ 51:54 Ирм. 50:22

+ 51:56 Иш. 59:18

+ 51:58 Ирм. 50:15, Ҳаб. 2:13

+ 51:59 Ирм. 28:1

+ 51:62 Ирм. 50:3

+ 51:63 Ваҳй 18:21

● 52:1 *4 Подш. 24:18, 2 Вак. 36:11-21*

+ 52:1 4 Подш. 23:31

+ 52:3 Ҳиз. 17:15

+ 52:4 Так. Шар. 28:52

+ 52:9 Ад. 34:11, 4 Подш. 23:33, Ирм. 21:7, Ҳиз. 23:24

+ 52:10 Саф. 1:8

+ 52:11 Так. Шар. 28:36, 4 Подш. 20:18

+ 52:12 Ирм. 32:1, Ирм. 39:9, Ирм. 40:1

+ 52:13 Иб. 26:31, Ҳиз. 16:41

+ 52:14 Наҳ. 1:3

+ 52:17 3 Подш. 7:15-37, 2 Вақ. 4:1-15, Ирм. 27:19

+ 52:18 3 Подш. 7:45, 3 Подш. 7:50

+ 52:20 3 Подш. 7:47

+ 52:21 3 Подш. 7:15-22

+ 52:24 1 Вақ. 6:14, Эзр. 7:1, Ирм. 21:1, Ирм. 29:25, Ирм. 37:3

+ 52:28 4 Подш. 24:12-14

● 52:31 *4 Подш. 25:27-30*

+ 52:31 4 Подш. 24:12, 4 Подш. 24:15, Ирм. 27:7

*КИТОБИ*

# НАВҲАҲОИ ИРМИЁ


1 2 3 4 5

## Андӯҳ дар бораи Ерусалими валангоршуда.

1 Чӣ гуна он шаҳре ки серодам буд,
яккаву танҳо нишастааст,
он шаҳре ки дар миёни халқҳо бузург буд,
мисли бевазане шудааст,
он шаҳре ки бар кишварҳо хукмфармо буд,
хироҷгузор гардидааст!
2 Шабонгоҳ вай зор-зор мегирьяд,
ва ашкҳои вай бар рухсораҳои вай аст.
Аз байни ҳамаи ошиқонаш барои
вай тасаллидиҳандае нест:
ҳамаи ёронаш ба вай хиёнат кардаанд,
ба вай душман шудаанд+.
3 Яҳудо аз боиси мазаллат
ва меҳнати сахт ҷалои ватан шудааст;
вай дар миёни бутпарастон нишаста,
фароғат намеёбад;
ҳамаи таъқибкунандагонаш дар миёни тангиҳо
ба вай даррасидаанд+.
4 Роҳҳои Сион мотам гирифтааст,
чунки мардум дар идҳо ба зиёрат намеоянд;
ҳамаи дарвозаҳояш хароб шудааст;
коҳинонаш оҳу воҳ мекунанд,
дӯшизагонаш ғамгинанд,
ва худаш талхком аст.
5 Адуёнаш сарбаланд шудаанд,
душманонаш комронӣ мекунанд,
зеро ки Худованд варо аз боиси
гуноҳҳои бисьёраш ғамгин кардааст;
кӯдаконаш пешопеши аду
ба асирӣ рафтаанд+.
6 Ва аз духтари Сион тамоми ҳашамати
вай нест шудааст;
мирони вай, мисли ғизолоне
ки чарогоҳ наёфта бошанд,

бемаҷол гардида,
пешопеши таъқибкунанда равона шудаанд.
7 Ерусалим дар айёми мусибатҳо ва уқубатҳои
худ ҳамаи нозу неъматҳои худро,
ки аз қадимулайём дошт, ба ёд меоварад,
дар сурате ки қавми вай ба дасти душман афтодааст,
ва мададгоре барои вай нест;
адуён ба вай нигариста,
ба ҳоли харобиҳояш механданд+.
8 Ерусалим гуноҳи азиме кардааст,
аз ин сабаб кароҳатангез шудааст:
ҳамаи онҳое ки варо мӯҳтарам медоштанд,
ба вай беэътиноӣ мекунанд,
зеро ки урьёнии варо дидаанд;
худаш низ оху воҳ мекунад ва рӯ ба қафо мегардонад+.
9 Наҷосати вай бар домани вай буд,
лекин ояндаи худро ба ёд намеовард;
бинобар ин ба таври хайратангез ба залолат афтодааст,
ва тасаллидиҳандае барои вай нест.
«Худовандо! Мазаллати маро бубин,
зеро ки душман мутакаббир шудааст»+.
10 Аду ба ҳамаи нозу неъматҳои
вай дасти тааддӣ дароз кардааст:
вай дидааст, ки ба қудси вай ғайрияҳудиён даромадаанд,
ки дар бораи онҳо Ту амр фармудаӣ,
ки ба ҷамоати Ту дохил нашаванд+.
11 Тамоми қавми вай оҳу воҳ карда, нон мечӯянд,
нозу неъматҳои худро дар бадали хӯрок додаанд,
то ки зинда бимонанд.
«Худовандо! Назар андоз ва бубин,
ки ман чӣ гуна залил шудаам»+.
12 «Бигзор ин ба шумо, эй ҳамаи роҳгузарон, рӯй надиҳад.
Назар андозед ва бубинед, ки оё дарде мисли дарди ман ҳаст,
ки он ба сари ман омадааст,
ва Худованд дар рӯзи шиддати ғазаби Худ маро ғамгин кардааст?
13 Аз афроз Ӯ оташе ба устухонҳоям фиристода,

онҳоро бирьён кардааст;
доме барои пойҳоям ниҳода,
маро ба қафо баргардонидааст;
маро маъюс ва дардманди ҳаррӯза сохтааст+.
[14] Юғи гуноҳҳоям, ки бо дасти Ӯ
ба ҳам барбаста бофта шудааст,
бар гарданам баромада,
маро бемаҷол кардааст;
Худованд маро ба дастҳое таслим кардааст,
ки наметавонам пеши онҳо истодагӣ намоям+.
[15] Ҳамаи баҳодурони маро Худованд андаруни ман вожгун кардааст:
ҷамъомадеро бар зидди ман даъват намудааст,
то ки ҷавонони маро несту нобуд кунанд;
духтари бокираи Яҳудоро
Худованд дар чархушт поймол кардааст.
[16] Дар ҳаққи инҳо ман гирья мекунам:
аз чашмам, аз чашмам об мерезад,
зеро тасаллидиҳандае ки ҷонамро қувват медода бошад,
аз ман дур шудааст;
писаронам хонавайрон шудаанд,
зеро ки душман зӯр баромадааст»+.
[17] Сион дастҳои худро дароз мекунад,
лекин тасаллидиҳандае барои вай нест:
Худованд дар ҳаққи Яъқуб амр фармудааст,
ки ӯро адуёнаш иҳота кунанд;
Ерусалим дар миёни онҳо кароҳатангез шудааст+.
[18] «Худованд одил аст,
зеро ки аз амри Ӯ саркашӣ кардаам.
Бишнавед, эй ҳамаи қавмҳо,
ва дарди маро бубинед:
дӯшизагонам ва ҷавононам
ба асирӣ рафтаанд+.
[19] Дӯстдорони худро даъват намудам, лекин онҳо дар ҳаққи ман
хиёнат карданд;
коҳинонам ва пиронам дар шаҳр ҷон доданд,
дар ҳолате ки барои худ хӯрок меҷустанд, то ки зинда бимонанд+.

[20] Худовандо, назар андоз, зеро ки дар тангӣ ҳастам:
амъоям ҷӯш мезанад,
дилам андарунам чаппа шудааст,
зеро ки бағоят саркашӣ кардаам;
аз берун шамшер нобуд мекард,
чунон ки дар хона мамот ҳукмфармо буд+.
[21] Мешунаванд, ки ман оҳу воҳ мекунам,
аммо тасаллидиҳандае барои ман нест;
ҳамаи душманонам мусибати маро шунида шод шудаанд,
ки Ту инро дар ҳаққи ман кардаӣ.
Кошки он рӯзи эълонкардаи Худро меовардӣ,
ва онҳо мисли ман мешуданд!
[22] Бигзор тамоми шарорати онҳо пеши назари Ту биёяд,
ва ба онҳоончунон амал кунӣ, чунон ки ба ман барои ҳамаи
гуноҳҳоям амал кардаӣ;
зеро ки оҳу фиғонам бисьёр аст, ва дилам пурдард аст»+.

## Набӣ барои валангор шудани Яҳудо навҳа мекунад.

1 Чӣ гуна Худованд дар вақти ғазаби Худ духтари Сионро бо абрҳои тира пӯшонидааст,
шукӯҳи Исроилро
аз осмон ба замин афкандааст
ва пойандози Худро дар рӯзи ғазаби Худ ба ёд наовардааст!+
2 Худованд ҳамаи масканҳои Яъқубро талаф намуда,
раҳме накардааст,
қалъаҳои духтари Яҳудоро
дар вақти хашми Худ хароб намуда,
ба замин яксон кардааст,
давлат ва мирони онро поймол гардондааст;+
3 Дар шиддати ғазаби Худ тамоми
шохи Исроилро шикастааст,
ямини Худро аз омадани душман баргардонидааст
ва Яъқубро мисли забонаҳои оташе
ки ҳамаи чизҳои давру пешро фурӯ мебарад, сӯзонидааст;+
4 Камони Худро мисли душман зеҳ кардааст,
бо ямини Худ мисли аду ба қиём бархостааст
ва ҳамаи назаррабоёнро куштааст;
бар хаймаи духтари Сион
хашми Худро мисли оташ рехтааст+.
5 Худованд мисли душман шуда,
Исроилро талаф намудааст:
ҳамаи қасрҳои онро талаф намуда,
калъаҳои онро хароб кардааст
ва барои духтари Яҳудо нолаву
фиғонро афзудааст;
6 Ва хаймаи Худро мисли боғ аз миён бардошта,
ҷамъомадгоҳи Худро хароб кардааст.
Худованд дар Сион рӯзҳои ид
ва шанберо фаромӯш кунонидааст
ва дар шиддати ғазаби Худ подшоҳ
ва коҳинро хорузор намудааст.
7 Худованд қурбонгоҳи Худро тарк карда,

қудси Худро хор дидааст;
ҳисорҳои қасрҳои онро ба дасти душманон
таслим намудааст:
онҳо дар хонаи Худованд, ба монанди рӯзи ид,
овоз бардоштаанд.
8 Худованд қарор додааст,
ки ҳисори духтари Сионро хароб кунад;
шоқул кашида, дасти Худро
аз талаф кардан бознадоштааст;
ва истеҳком ва ҳисорро, ки якҷоя ба хок яксон шудаанд,
кисвати сӯгворӣ пӯшонидааст.
9 Дарвозаҳои он ба замин фурӯ рафтааст;
ғалақаҳои онро вайрон карда шикастааст;
подшоҳи он ва мирони он дар миёни ғайрияҳудиён мебошанд;
шариате нест; анбиёи он низ
рӯъёе аз ҷониби Худованд намеёбанд+.
10 Пирони духтари Сион
бар замин хомӯш нишастаанд,
бар сари худ хокистар пошида,
палос пӯшидаанд;
дӯшизагони Ерусалим
сари худро сӯи замин хам кардаанд+.
11 Чашмонам аз ашк оҷиз шудааст,
амъоям ҷӯш мезанад,
ҷигарам аз шикасти духтари қавми ман
бар замин мерезад,
вақте ки кӯдакон ва ширмакон
дар кӯчаҳои шаҳр беҳуш шуда меғалтанд.
12 Ба модарони худ мегӯянд:
«Нон ва шароб куҷост?» —
дар ҳолате ки мисли маҷрӯҳон
дар кӯчаҳои шаҳр аз ҳуш рафта,
дар оғӯши модарони худ
ҷон медиҳанд+.
13 Чӣ шаҳодате барои ту бидиҳам,
чӣ қиёсе барои ту биёварам,

эй духтари Ерусалим?
Чиро ба ту ташбеҳ намоям, то ки туро тасаллӣ диҳам,
эй духтари бокираи Сион?
Зеро ки шикасти ту мисли баҳр бузург аст,
ва кист, ки туро тавонад шифо диҳад?
14 Анбиёи ту чизҳои ботил ва беаслро
барои ту пешгӯӣ намудаанд
ва гуноҳатро ошкор накардаанд,
то ки хавфи асирии туро пешгирӣ намоянд,
балки нубувватҳои ботил ва хаёлҳои хомро барои ту изҳор
кардаанд+.
15 Ҳамаи роҳгузарон дар ҳаққи ту
даст бар ҳам месоянд,
ҳуштак кашида,
ба ҳоли духтари Ерусалим сар меҷунбонанд:
«Оё ҳамин аст шаҳре
ки онро камоли зебоӣ,
шодии тамоми замин мегуфтанд?»+
16 Ҳамаи душманонат
даҳони худро бар ту кушодаанд,
ҳуштак кашида ва дандон ғиҷиррос занонда,
мегӯянд: «Онро талаф кардем!
Ҳай-ҳай, ин ҳамон рӯз аст, ки дар интизораш будем
ва ҳоло ба он ноил шудаем, онро ба чашми худ дидаем!»+
17 Худованд он чи қарор дода буд,
иҷро кардааст; амреро,
ки аз қадимулайём фармуда буд, ба амал овардааст:
хароб намуда, раҳме накардааст
ва душманро бар ту шод гардонда,
шохи адуёнатро баланд бардоштааст+.
18 Дили онҳо сӯи Худованд фарьёд мекунад:
эй ҳисори духтари Сион!
Рӯзу шаб мисли ҷӯйбор ашк рез,
ба худат оромӣ надеҳ,
гавҳараки чашмат қарор наёбад+.
19 Шабонгоҳ, дар аввали посҳо,

бархоста фиғон бардор;
ба ҳузури Худованд дили
худро мисли об рехта холӣ кун;
дастҳои худро дар бораи ҷони кӯдаконат,
ки дар сари ҳар кӯча
аз гуруснагӣ беҳуш мешаванд,
сӯи Ӯ боло бардор:+
20 «Худовандо! Назар андоз ва бубин,
ки чунин амалро ба кӣ кардаӣ?
Оё равост, ки занон меваи батни худро, —
кӯдаконеро, ки ба сад ноз парварда буданд, — бихӯранд?
Оё равост, ки коҳин ва набӣ
дар қудси Худованд кушта шаванд+?
21 Наврасон ва пирон
бар хоки кӯчаҳо хобидаанд;
дӯшизагонам ва ҷавононам
аз дами шамшер афтодаанд;
Ту онҳоро дар рӯзи ғазаби худ куштаӣ,
ба қатл расондаӣ ва раҳме накардаӣ;
22 Даҳшатҳои маро аз гирду атроф, ба монанди рӯзи ид,
даъват намудаӣ;
ва касе набуд, ки дар рӯзи ғазаби Худованд
гурехта ва зинда монда бошад:
онҳоеро, ки ба сад ноз парварда ва калон карда будам,
душмани ман талаф намудааст».

## Ирмиё андӯҳгин асм,
## лекин дар андӯҳи худ тасаллӣ меёбад.

1 Ман одаме ҳастам,
ки аз асои ғазаби Ӯ мазаллат дидаам+.
2 Ӯ маро бурда, ба торикӣ даровардааст,
ва на ба рӯшноӣ;+
3 Фақат ба зидди ман тамоми рӯз гашта —
баргашта дасти Худро нигаронидааст;
4 Гӯшт ва пӯсти маро реш-реш карда,
устухонҳои маро шикастааст;+
5 Бар ман иморат сохта,
маро бо заҳр ва мусибат иҳота намудааст;+
6 Маро дар зулмот сокин гардондааст,
мисли онҳое ки аз қадим мурдаанд;+
7 Гирдогирди ман тавора кашидааст,
то ки натавонам берун равам;
ишкели маро вазнин кардааст;
8 Агарчи фарьёд ва истиғоса менамоям,
дуои маро пешгирӣ кардааст;+
9 Роҳҳои маро бо харсангҳо бандубаст намудааст,
пайроҳаҳои маро каҷ кардааст+.
10 Ӯ барои ман хирси каминвар аст,
шерест, ки дар ҷои ниҳонӣ бошад;+
11 Роҳҳои маро каҷ карда, маро даридааст,
маро маъюс намудааст;
12 Камони Худро зеҳ карда,
маро ҳадафе барои тир қарор додааст;+
13 Тирҳои таркаши Худро
ба гурдаҳои ман фурӯ фиристодааст+.
14 Барои тамоми қавми худ хандахариш шудаам,
калимаи тамасхури ҳаррӯзаи онҳо гардидаам+.
15 Ӯ маро аз талхиҳо сер кардааст,
маро аз явшон сероб намудааст;+
16 Дандонҳоямро бо сангреза шикастааст,

маро бо хокистар пӯшонидааст.
17 Ва ҷонам аз осоиштагӣ дур шудааст:
некрӯзиро фаромӯш кардаам.
18 Ва гуфтам, ки қувватам
ва умеде ки аз Худованд доштам, барбод рафтааст.
19 Мазаллат ва дилшикастагии маро,
явшон ва заҳрро ба ёд овар.
20 Нағз ба ёд меоварам,
ва ҷонам андаруни ман маъюс шудааст.
21 Ба дили худ чунин ҷавоб хоҳам гардонд
ва бинобар ин умедвор хоҳам буд:
22 Эҳсонҳои Худованд поён надорад,
ва марҳаматҳои Ӯ беинтиҳост;
23 Онҳо ҳар субҳ аз нав зоҳир мешавад:
вафои Ту бузург аст+.
24 «Худованд насибаи ман аст, — мегӯяд ҷони ман, —
бинобар ин ба Ӯ умедвор хоҳам буд»+.
25 Худованд барои умедворони худ,
барои ҳар ҷоне ки толиби Ӯст, нек аст:
26 Хуб мешавад, ки ба наҷоти Худованд
сокитона умедвор бошанд.
27 Барои одамизод хуб аст,
ки юғро дар ҷавонии худ бардошта бошад:
28 Вай танҳо нишаста, сукут хоҳад кард,
зеро ки Худованд юғро бар вай ниҳодааст;+
29 Даҳони худро бар хок хоҳад ниҳод:
эҳтимол дорад, ки умеде бошад;
30 Ба касе ки варо мезанад, рухсори худро хоҳад дошт
ва аз нанг сер хоҳад шуд+.
31 Зеро ки Худованд ба сурати абадӣ
тарк нахоҳад кард,+
32 Балки, агар ғамгин кунад,
аз рӯи эҳсонкории бузурги Худ
марҳамат хоҳад намуд,+
33 Зеро ки Ӯ банӣ-одамро на ба дилхоҳи Худ
ҷазо дода ғамгин мекунад.

34 Вақте ки ҳамаи бандиёни заминро
бо пойҳои худ пахш мекунанд,
35 Вақте ки одамро ба ҳузури Ҳаққи Таоло
ноҳақ доварӣ менамоянд,
36 Вақте ки дар муҳокимаи даъвои одам каҷкорӣ мекунанд, —
магар инро Худованд намебинад?
37 Кист, ки чизе гуфта бошаду он чиз иҷро шуда бошад,
бе он ки Худованд амр фармояд+?
38 Оё бадиҳо ва некиҳо аз амри Ҳаққи Таоло
ба вуқӯъ намеояд+?
39 Одами зинда чӣ ҳақ дорад гила кунад,
вақте ки аз гуноҳҳои худаш ҷазо бинад?
40 Пас, роҳҳои худро бояд тафтиш ва таҳқиқ кунем
ва сӯи Худованд баргардем,
41 Дилҳои худро сӯи Худое ки дар осмон аст,
бо дастҳо боло кунем:+
42 «Мо гуноҳ кардаем ва саркашӣ намудаем,
Ту наомурзидаӣ;+
43 Худро бо ғазаб пӯшонида,
моро таъқиб намудаӣ,
куштаӣ, раҳме накардаӣ;
44 Худро бо абр пӯшонидаӣ,
то ки дуо нагзарад;
45 Моро дар миёни қавмҳо
хокрӯба ва ахлот гардондаӣ.
46 Ҳамаи душманони мо
даҳони худро бар мо кушодаанд+.
47 Даҳшат ва дом,
харобӣ ва шикаст насиби мо шудааст+.
48 Аз шикасти духтари қавми ман
аз чашмам ҷӯйбори об мерезад+.
49 Чашмам ашкбор аст ва бас намекунад,
бе он ки танаффусе намояд,+
50 То даме ки Худованд
аз осмон назар андозад ва бубинад.
51 Чашмам аз барои ҳамаи духтарони шаҳри

ман ҷони маро ба дард меоварад.
[52] Онҳое ки ноҳақ ба ман душманӣ доранд,
маро мисли мурғе сайд карданӣ шуданд;+
[53] Ҳаётамро дар чоҳ нобуд карда,
маро сангборон намуданд+.
[54] Об аз сарам гузашт;
гуфтам: „Корам тамом шуд“+.
[55] Аз даруни чоҳи чуқур исми Туро,
эй Худованд, хондам+.
[56] Овози маро шунидӣ:
„Пас, гӯши Худро аз фарьёд
ва истиғосаи ман напӯшон“.
[57] Дар рӯзе ки Туро хондам,
наздик шуда гуфтӣ: „Натарс!“
[58] Даъвоҳои ҷони маро Ту, эй Худованд,
ҳимоят кардӣ, ҳаёти маро раҳонидӣ+.
[59] Ноинсофиеро, ки дар ҳаққи ман содир мешавад, Ту,
эй Худованд, мебинӣ;
пас, доди маро бидеҳ!
[60] Тамоми интиқомҷӯии онҳоро,
тамоми дасисакории онҳоро дар ҳаққи ман мебинӣ;+
[61] Таҳқири онҳоро, тамоми дасисакории онҳоро
дар ҳаққи ман Ту, эй Худованд, мешунавӣ,
[62] Низ суханони мухолифонам ва андешаҳоеро,
ки онҳо ҳар рӯз ба муқобили ман доранд.
[63] Шинухези онҳоро бубин,
ки ман ашӯлаи онҳо гардидаам.
[64] Сазояшонро, эй Худованд,
мувофиқи аъмоли дастҳошон ба онҳо баргардон;
[65] Ба онҳо маҳзунии дил бидеҳ;
нафрини Ту бар онҳо бод.
[66] Бо ғазаби Худ, эй Худованд,
онҳоро таъқиб намо ва аз зери осмон маҳв кун».

## Мусибат ва шармандагии Яҳудо.

[1] Чӣ гуна тилло хира шудааст,
зари холис тағьир ёфтааст,
сангҳои гаронбаҳо
дар сари ҳар кӯча партофта шудааст!+
[2] Чӣ гуна фарзандони азизи Сион,
ки ба зари холис баробар буданд,
мисли кӯзаи сафолине
ки амали дасти кулол аст, ҳисоб шудаанд!+
[3] Шағолон низ пистон берун оварда,
бачаҳои худро мемаконанд,
лекин духтари қавми ман, мисли шутурмурғҳо дар биёбон, бераҳм шудааст.
[4] Забони бачаи ширмак
аз ташнагӣ ба комаш часпидааст;
кӯдакон нон мепурсанд, —
касе ба онҳо намедиҳад+.
[5] Онҳое ки нуқлу наво мехӯрданд,
дар кӯчаҳо бемаҷол шудаанд;
онҳое ки бар бистари абрешимин парвариш меёфтанд,
ахлоттӯдаҳоро ба оғӯш мекашанд.
[6] Ва маъсияти духтари қавми ман
аз гуноҳи Садӯм бузургтар аст,
ки он дар як мижа задан вожгун шуд,
бе он ки касе дастҳояшро ба он расонда бошад+.
[7] Сарварони вай аз барф тозатар
ва аз шир сафедтар буданд;
баданашон аз марҷон сурхтар,
қаду қоматашон мисли ёқути кабуд буд;
[8] Ва акнун чеҳраашон аз ангишт сиёҳтар шудааст,
ба тавре ки дар кӯчаҳо онҳоро намешиносанд;
пӯсташон ба устухонашон часпида,
мисли чӯб хушк шудааст+.
[9] Куштаҳои шамшер назар ба куштаҳои гуруснагӣ хушбахттар буданд,
чунки аз теғ хуншор шуда, зуд мурдаанд,

назар ба онҳое ки аз камии маҳсулоти
киштзор бо азоби бисьёр ҷон додаанд+.
10 Дастҳои занони раҳмдил
бачаҳои худро пухтаанд,
то ки дар вақти шикасти духтари қавми ман
барояшон хӯрок шавад+.
11 Худованд хашми Худро ба анҷом расондааст,
шиддати ғазаби Худро фурӯ рехтааст
ва оташе дар Сион афрӯхтааст,
ки он асосҳои варо хӯрдааст+.
12 Подшоҳони замин ва ҳамаи
сокинони дуньё бовар намекарданд,
ки аду ва душман
ба дарвозаҳои Ерусалим дохил хоҳад шуд,
13 Аз боиси хатоҳои анбиёи он
ва гуноҳҳои коҳинони он,
ки хуни одилонро
андаруни он мерехтанд;+
14 Мисли кӯрон дар кӯчаҳо мегаштанд,
дар ҳолате ки ба хун олуда буданд,
ба тавре ки ба либосҳои онҳо касе наметавонист бирасад+.
15 «Дур шавед! Палид аст!» — дод мегуфтанд дар ҳаққи онҳо, —
«Дур шавед, дур шавед, нарасед!»
Ва онҳо чунин сарсон ва овора шуда мегаштанд,
ва дар миёни халқҳо дар бораи онҳо мегуфтанд:
«Дигар дар ин ҷо сокин нахоҳанд шуд».
16 Хашми Худованд онҳоро пароканда хоҳад кард,
дигар ба онҳо назари нек нахоҳад кард:
дар он ҷо коҳинонро рӯихотир намекунанд
ва ба пирон раҳм надоранд+.
17 Чашмони мо ҳанӯз
ба мадад беҳуда чор мешуд:
дар чашмдошти худ ба халқе умедвор будем,
ки вай наметавонист моро наҷот диҳад+.
18 Қадамҳои моро камин мекарданд,
ба дараҷае ки мо дар кӯчаҳои худ наметавонистем роҳ равем;

охири мо наздик мешуд,
рӯзҳои мо анҷом меёфт;
ҳақиқатан охири мо фаро расида буд+.
19 Таъқибкунандагони мо аз уқобҳои
осмон тезравтар буданд:
бар кӯҳҳо моро таъқиб мекарданд,
дар биёбон барои мо камин месохтанд+.
20 Масеҳи Худованд, ки рӯҳи ҳаёти мо буд,
дар чоҳи онҳо афтод,
ки дар бораи ӯ мегуфтем: «Ба зери сояи ӯ
дар миёни халқҳо зиндагӣ хоҳем кард»+.
21 Шодӣ ва хурсандӣ намо, эй духтари Адӯм,
ки дар замини Ус сокин ҳастӣ!
Ин коса ба ту низ хоҳад расид:
маст гардида, урьён хоҳӣ шуд+.
22 Эй духтари Сион! Маъсияти ту акнун тамом шудааст:
Ӯ туро дигар ҷалои ватан нахоҳад кард.
Аммо маъсияти туро, эй духтари Адӯм,
Ӯ ба ҷазо мустаҳиқ намуда, гуноҳҳоятро ошкор хоҳад кард+.

## Тазарруъи қавми мазлум дар бораи марҳамат ва мадад.

[1] Худовандо! Он чи ба мо рӯй додааст, ба ёд овар;
назар андоз ва нанги моро бубин.
[2] Мероси мо аз они аҷнабиён,
хонаҳои мо аз они бегонагон шудааст+.
[3] Ятим шудаем ва падар надорем;
модарони мо мисли бевазанон шудаанд.
[4] Оби худро ба нуқра харида менӯшем,
ҳезуми мо дар бадали пул ба даст медарояд.
[5] Моро бунигарданӣ зада пеш мекунанд,
хаста мешавем, — фароғат кардан намемонанд.
[6] Ба Миср ва Ашшур даст кафча кардем,
то ки аз нон сер шавем+.
[7] Падарони мо гуноҳ кардаанд; онҳо аз дунъё чашм пӯшидаанд,
валекин мо аз барои маъсияташон гирифтори ҷазо шудаем+.
[8] Ғуломон бар мо ҳукмфармо шудаанд;
касе нест, ки моро аз дасташон халосӣ диҳад.
[9] Ҷони худро ба каф гирифта,
ба зери хавфи шамшери аҳли биёбон нони худро пайдо мекунем.
[10] Пӯсти мо аз тафси гуруснагӣ
мисли танӯр сӯхтааст.
[11] Занонро дар Сион беисмат мекунанд,
дӯшизагонро — дар шаҳрҳои Яҳудо+.
[12] Мирон бо дасти онҳо ба дор кашида мешаванд,
пирон эҳтиром надоранд+.
[13] Ҷавонон сангҳои осиёро мебардоранд,
ва наврасон зери бори ҳезум беҳуш шуда меғалтанд+.
[14] Пирон дигар назди дарвоза наменишинанд;
ҷавонон сурудгӯӣ намекунанд.
[15] Дилхушии мо хотима ёфтааст;
рақси мо ба мотам мубаддал шудааст+.
[16] Тоҷи сари мо фурӯ ғалтидааст;
вой бар ҳоли мо, ки гуноҳ кардаем!+
[17] Барои ин доим дили мо дард мекунад,
барои инҳо чашмони мо хира шудааст:

18 Барои кӯҳи Сион, ки хароб шудааст,
ва шағолон бар он гаштугузор мекунанд.
19 Лекин Ту, эй Худованд, то абад қоим ҳастӣ,
ва тахти Ту то абадуддаҳр аст+.
20 Чаро моро ба сурати абадӣ фаромӯш кардаӣ,
ба муддати дуру дароз тарк намудаӣ+?
21 Худовандо! Моро сӯи Худ баргардон,
ва мо хоҳем баргашт;
рӯзҳои моро мисли пештара таҷдид намо+.
22 Наход ки моро тамоман рад карда,
бениҳоят бар мо хашмгин шуда бошӣ+?

---

+ 1:2 Ирм. 9:1, Воиз 4:1, Иш. 51:19, Наҳум 3:7, Ҳиз. 23:22-26

+ 1:3 Ирм. 52:27

+ 1:5 Ирм. 30:14-15, Дон. 9:16, Так. Шар. 28:41, 2 Вак. 36:20

+ 1:7 Уб. 1:12-13

+ 1:8 Ҳиз. 16:37, Ҳиз. 23:29, Ҳуш. 2:10

+ 1:9 Нав. 1:2

+ 1:10 Ирм. 51:51, Так. Шар. 23:3-4

+ 1:11 Ирм. 38:9, Ирм. 52:6, Нав. 2:12, Нав. 4:4

+ 1:13 Айюб 30:30, Заб. 101:3, Ҳиз. 17:20, Ҳуш. 7:12

+ 1:14 Иш. 10:27, Наҳум 1:13

+ 1:16 Ирм. 9:1, Ирм. 13:17

+ 1:17 Иш. 1:15, Ирм. 4:31

+ 1:18 Ирм. 12:1

+ 1:19 Ирм. 3:1-2, Ирм. 4:30

+ 1:20 Так. Шар. 32:25, Ҳиз. 7:15

+ 1:22 Заб. 108:15

+ 2:1 Иш. 14:15

+ 2:2 Заб. 88:41

+ 2:3 Заб. 73:11, Заб. 78:5, Заб. 88:47

+ 2:4 Нав. 3:12

+ 2:9 Ирм. 51:30, Ом. 1:5, 1 Подш. 3:1

+ 2:10 Еҳ. 7:6, 1 Подш. 4:12, Наҳ. 9:1, Айюб 2:8, Айюб 2:13, Ҳиз. 3:15, Ҳиз. 7:18

+ 2:12 Ирм. 38:9, Ирм. 52:6, Нав. 1:11, Нав. 4:4

+ 2:14 Ирм. 5:31, Ҳиз. 13:6

+ 2:15 Айюб 27:23, Айюб 34:37, Заб. 47:3

+ 2:16 Нав. 3:46, Заб. 34:25, Заб. 34:21

+ 2:17 Иб. 26:14, Так. Шар. 28:15, Нав. 2:17

+ 2:18 Заб. 41:4

+ 2:19 1 Подш. 7:6, 2 Подш. 14:14, 2 Подш. 23:16

+ 2:20 Иб. 26:29, Так. Шар. 28:53, Нав. 4:10, Ирм. 19:9, Ҳиз. 5:10

+ 3:1 Ирм. 20:18

+ 3:2 Иш. 5:30

+ 3:4 Иш. 38:13

+ 3:5 Айюб 19:12

+ 3:6 Заб. 87:7, Заб. 142:3

+ 3:8 Заб. 21:2

+ 3:9 Айюб 19:8

+ 3:10 Ҳуш. 13:8

+ 3:12 Нав. 2:4, Так. Шар. 32:23, Айюб 16:12-13

+ 3:13 Так. Шар. 32:23, Айюб 6:4, Заб. 37:3

+ 3:14 Айюб 30:9, Ирм. 20:7

+ 3:15 Ирм. 8:14, Ирм. 9:15, Ирм. 23:15

+ 3:23 Заб. 35:6

+ 3:24 Заб. 15:5, Заб. 72:26

+ 3:28 Ирм. 15:17

+ 3:30 Иш. 50:6, Мат. 5:39

+ 3:31 Иш. 57:16, Ирм. 3:5, Мик. 7:18

+ 3:32 Заб. 105:45

+ 3:37 Аъм. 5:38

+ 3:38 Айюб 2:10, Иш. 45:7, Ом. 3:6

+ 3:41 Наҳ. 8:6, Заб. 133:2

+ 3:42 Дон. 9:5

+ 3:46 Нав. 2:16

+ 3:47 Иш. 24:17, Ирм. 48:43

+ 3:48 Ирм. 13:17, Нав. 1:16

+ 3:49 Ҳас. 11:5, Заб. 13:2, Заб. 32:14, Иш. 63:15

+ 3:52 Заб. 10:1

+ 3:53 Ирм. 38:6

+ 3:54 Заб. 68:2, Юн. 2:4, Юн. 2:6

+ 3:55 Заб. 129:1

+ 3:58 Заб. 118:154

+ 3:60 Ирм. 11:19

+ 4:1 Нав. 2:19

+ 4:2 Заб. 2:9, Ирм. 19:11

+ 4:4 Ирм. 38:9, Ирм. 52:6, Нав. 1:11, Нав. 2:12

+ 4:6 Ҳас. 19:24

+ 4:8 Айюб 30:30

+ 4:9 Иш. 22:2

+ 4:10 Иб. 26:29, Так. Шар. 28:57, 4 Подш. 6:29, 4 Подш. 25:3, Ирм. 19:9, Ҳиз. 5:10

+ 4:11 Так. Шар. 32:22, Ирм. 17:27

+ 4:13 Ирм. 5:31, Ирм. 23:21

+ 4:14 Ад. 19:16

+ 4:16 Нав. 5:12

+ 4:17 Заб. 118:82, Заб. 118:123

+ 4:18 Ҳиз. 7:2-3, Ом. 8:2

+ 4:19 Ирм. 4:13, Ҳаб. 1:8

+ 4:20 Ҳиз. 19:4

+ 4:21 Ҳас. 22:21, Айюб 1:1, Ирм. 25:20, Ирм. 25:15, Ирм. 51:7, Ҳаб. 2:15

+ 4:22 Иш. 40:2, Уб. 1:10

+ 5:2 Заб. 78:1

+ 5:6 Ҳуш. 12:1

+ 5:7 Ирм. 31:29, Ҳиз. 18:1

+ 5:11 Иш. 13:6, Зак. 14:2

+ 5:12 Нав. 4:16

+ 5:13 Дов. 16:21

+ 5:15 Ирм. 16:9, Ҳуш. 2:11, Ом. 8:10

+ 5:16 Заб. 88:40, Ирм. 13:18

+ 5:19 Заб. 9:8, Заб. 101:13, Заб. 144:13

+ 5:20 Заб. 12:2

+ 5:21 Ирм. 31:18, Заб. 50:12

+ 5:22 Ирм. 14:19

*КИТОБИ*

# ҲИЗҚИЁЛИ НАБӢ


| | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 | 7 | 8 | 9 | 10 |
| 11 | 12 | 13 | 14 | 15 | 16 | 17 | 18 | 19 | 20 |
| 21 | 22 | 23 | 24 | 25 | 26 | 27 | 28 | 29 | 30 |
| 31 | 32 | 33 | 34 | 35 | 36 | 37 | 38 | 39 | 40 |
| | 41 | 42 | 43 | 44 | 45 | 46 | 47 | 48 | |

## Сарсухан.

1 [1] •Ва чунин воқеъ шуд, ки дар соли сиюм, дар рӯзи панҷуми
моҳи чорум, вақте ки ман дар миёни ҷалои ватан шудагон назди
наҳри Кабар будам, осмон кушода шуд, ва ман рӯъёҳои Худоро
дидам+.

## Рӯъёи ҷалоли Худованд.

[2] Дар рӯзи панҷуми моҳ, ки соли панҷуми ҷалои ватан шудани
подшоҳ Еҳӯёкин буд,+
[3] Каломи Худованд бар Ҳизқиёл ибни Бузии коҳин дар замини
калдониён назди наҳри Кабар нозил шуд; ва дасти Худованд дар он
ҷо бар ӯ ниҳода шуд+.
[4] Ва ман дидам, ва инак боди тунде аз шимол вазид, ва абри бузург
ва оташи фурӯзон, ва дурахше гирдогирдаш буд; ва аз дарунаш, яъне
аз даруни оташ, чизе мисли барқ дурахшон буд+.
[5] Ва аз дарунаш сурати чор ҳайвон ба назар менамуд; ва
намудашон чунин буд: онҳо монанди одамизод буданд+.
[6] Ва ҳар якеро чор рӯй буд; ва ҳар яке аз онҳо чор бол дошт.
[7] Ва пойҳошон пои мустақим буд; ва кафи пойҳошон мисли кафи
пои гӯсола буд, ва мисли миси сайқалдор медурахшид+.
[8] Ва дастҳои одамӣ аз таҳти болҳошон дар чор тарафашон
намудор буд; ва ҳар чорашон рӯйҳои худ ва болҳои худро доштанд.
[9] Болҳошон ба якдигар пайваста буд; дар вақти роҳ рафтанашон ба
ин самту он самт рӯй намегардониданд, балки ҳар яке ба самти рӯ ба
рӯи худ мерафтанд.
[10] Ва сурати рӯйҳошон чунин буд: рӯйҳои одамӣ аз тарафи пеш, ва
рӯйҳои шер аз тарафи рост дар ҳар чорашон, ва рӯйҳои гов аз тарафи
чап дар ҳар чорашон, ва рӯйҳои уқоб аз тарафи ақиб дар ҳар
чорашон+.
[11] Рӯйҳошон ҳамин гуна буд. Ва болҳошон чунон аз боло паҳн
шуда буд, ки ду боли ҳар яке ба якдигар мепайваст, ва ду боли дигар
баданҳошонро мепӯшонид+.
[12] Дар вақти роҳ рафтанашон рӯй намегардониданд, балки ҳар яке
ба самти рӯ ба рӯи худ мерафтанд; ба ҳар ҷое ки рӯҳ мехост
бираванд, мерафтанд.

13 Ва сурати ин ҳайвонҳо чунин буд: намудашон мисли ахгарҳои
оташи сӯзон, мисли намуди машъалҳо; ин оташ дар фазои байни
ҳайвонҳо дар ҳаракат буд, ва дурахше дошт, ва аз даруни оташ барқ
мебаромад+.
14 Ва ҳайвонҳо ин сӯю он сӯ мисли намуди барқ дар давиш буданд.
15 Ва чун ба ҳайвонҳо назар кардам, инак як чарх назди ҳар
ҳайвони соҳиби чор рӯй бар замин буд.
16 Намуди чархҳо ва сохташон монанди забарҷад буд, ва ҳар
чорашон як сурат доштанд; ва намуду сохти онҳо мисли он буд, ки
гӯё чархе тақотӯи чарх бошад+.
17 Онҳо чун роҳ мерафтанд, метавонистанд ба чор самти худ
бираванд, бе он ки дар вақти рафтанашон рӯй гардонанд.
18 Ва чанбарҳошон хеле баланд ва воҳиманок буд, ва чанбарҳои
ҳар чорашон гирдогирд пур аз чашмон буд+.
19 Ва ҳангоме ки ҳайвонҳо роҳ мерафтанд, чархҳо низ назди онҳо
роҳ мерафт; ва ҳангоме ки ҳайвонҳо аз замин баланд мешуданд,
чархҳо низ баланд мешуд.
20 Ба ҳар ҷое ки рӯҳ мехост бираванд, мерафтанд; ва чархҳо низ
баробари онҳо баланд мешуд, зеро ки рӯҳи ҳайвонҳо дар чархҳо буд.
21 Ҳангоме ки онҳо мерафтанд, инҳо низ мерафт, ва ҳангоме ки
онҳо меистоданд, инҳо низ меистод; ва ҳангоме ки онҳо аз болои
замин баланд мешуданд, чархҳо низ баробари онҳо баланд мешуд,
зеро ки рӯҳи ҳайвонҳо дар чархҳо буд.
22 Ва сурати фалак бар сари ҳайвонҳо чунин буд: мисли булӯри
саҳмгине бар сари онҳо аз боло паҳн шуда буд+.
23 Ва зери фалак болҳои онҳо сӯи якдигар рост бардошта шуда буд;
ҳар якеро ду бол аз он тараф мепӯшонид, ва ҳар якеро ду бол аз ин
тарафи баданашон мепӯшонид.
24 Ва ҳангоме ки онҳо мерафтанд, ман садои болҳои онҳоро, ки
мисли садои обҳои бисьёр, мисли садои Қодири Бечун, мисли садои
ғалоғулаи лашкаргоҳ буд, шунидам; вақте ки онҳо меистоданд,
болҳои худро мефуроварданд+.
25 Ва аз болои фалак, ки бар сари онҳо буд, садое ба гӯш мерасид,
вақте ки онҳо истода, болҳои худро мефуроварданд.
26 Ва дар фалаке ки бар сари онҳо буд, сурати тахте дида мешуд,
ки намуди санги ёқути кабудро дошт; ва бар сурати тахт сурате

мисли намуди одамизод бар болои он буд+.
[27] Ва чизе мисли барқ дурахшон дидам, ки доирае мисли намуди
оташ гирдогирди он буд, — аз намуди камари ӯ ба тарафи боло; ва аз
намуди камари ӯ ба тарафи поён мисли намуди оташ дидам, ва
дурахше гирдогирдаш буд+.
[28] Чунон ки намуди рангинкамон дар абр дар рӯзи борон мешавад,
намуди дурахш гирдогирдаш ончунон буд; ин — намуди сурати
ҷалоли Худованд буд; ва ҳамин ки онро дидам, бар рӯи худ афтодам,
ва овози Ӯро шунидам, ки сухан меронд.

## Даъват шудани набӣ ва аз Рӯҳ пур шудани ӯ.

**2** 1 Ва ба ман гуфт: «Эй писари одам! Бар пойҳои худ биист, ва
Ман бо ту сухан хоҳам ронд»+.
2 Ва ҳангоме ки ба ман сухан меронд, Рӯҳи Худо ба ман дохил
шуда, маро бар пойҳоям бархезонид, ва ман Ӯро, ки ба ман сухан
меронд, шунидам+.

## Ба набӣ аз улув супориш дода шуд.

3 Ва ба ман гуфт: «Эй писари одам! Ман туро назди банӣ-Исроил
мефиристам, назди сибтҳои исьёнгаре ки ба Ман осӣ шудаанд; онҳо
ва падаронашон пеши Ман то худи имрӯз гуноҳкор мебошанд,+
4 Ва ин мардум рӯйнатан ва сахтдил ҳастанд, ва Ман туро назди
онҳо мефиристам, то ки ба онҳо бигӯӣ: „Худованд Худо чунин
мегӯяд“!
5 Ва онҳо хоҳ бишнаванд ва хоҳ аз шунидан рӯй тобанд, — зеро ки
онҳо хонадони исьёнгар мебошанд, — вале хоҳанд донист, ки набие
дар миёни онҳо буд+.
6 Ва ту, эй писари одам, аз онҳо натарс ва аз суханони онҳо
ҳаросон нашав, зеро ки хорҳо ва нешҳо дар гирди ту ҳастанд, ва ту
дар миёни каждумон нишастаӣ; лекин аз суханони онҳо ҳаросон
нашав ва аз рӯйҳои онҳо натарс, зеро ки онҳо хонадони исьёнгар
мебошанд+.
7 Ва суханони Маро ба онҳо бигӯй, хоҳ бишнаванд ва хоҳ аз
шунидан рӯй тобанд, зеро ки онҳо исьёнгар мебошанд.
8 Вале ту, эй писари одам, он чиро, ки Ман ба ту мегӯям, бишнав;
мисли ин хонадони исьёнгар осӣ нашав; даҳони худро бикшо ва он
чиро, ки Ман ба ту медиҳам, бихӯр».
9 Ва ман назар кардам, ва инак дасте сӯи ман ёзонида шудааст, ва
инак тӯморе дар он мебошад+.
10 Ва онро пеши ман воз кард, ва рӯй ва пушти он навишта шуда
буд, ва навҳа ва нола ва оҳу воҳ дар он навишта шуда буд+.

## Ҳизқиёл ба вазифаи посбони хонадони Исроил гузошта шуд ва сазовори дидани ҷалоли Худованд гардид.

3 1 Ва ба ман гуфт: «Эй писари одам! Он чиро, ки меёбӣ, бихӯр;
ин тӯморро бихӯр, ва рафта, ба хонадони Исроил бигӯй»+.
2 Ва ман даҳони худро кушодам, ва он тӯморро Ӯ ба ман хӯронид.
3 Ва ба ман гуфт: «Эй писари одам! Шиками худро бихӯрон ва
амъои худро аз ин тӯморе ки Ман ба ту медиҳам, пур кун». Ва ман
хӯрдам, ва дар даҳонам мисли асал ширин буд.
4 Ва ба ман гуфт: «Эй писари одам! Бархоста, назди хонадони
Исроил бирав ва суханони Маро ба онҳо баён намо;
5 Зеро назди қавме ки нутқаш муғлақ ва забонаш душворфаҳм
бошад, фиристода намешавӣ, балки назди хонадони Исроил;
6 На назди қавмҳои бисьёри нутқашон муғлақ ва забонашон
душворфаҳм, ки суханонашонро наметавонӣ бифаҳмӣ; агар ҳатто
назди онҳо туро мефиристодам, онҳо ба ту гӯш меандохтанд;
7 Валекин хонадони Исроил намехоҳанд ба ту гӯш андозанд,
чунки намехоҳанд ба Ман гӯш андозанд, зеро ки тамоми хонадони
Исроил пешонии сахт ва дили сангин доранд.
8 Инак Ман рӯи туро ба муқобили рӯи онҳо сахт, ва пешонии туро
ба муқобили пешонии онҳо сахт гардонидаам+.
9 Пешонии туро мисли алмосе ки аз санги хоро сахттар аст,
гардонидаам; аз онҳо натарс ва аз рӯйҳошон ҳаросон нашав, зеро ки
онҳо хонадони исьёнгар мебошанд»+.
10 Ва ба ман гуфт: «Эй писари одам! Ҳамаи суханони Маро, ки ба ту
мегӯям, дар дили худ ҷой деҳ ва бо гӯшҳои худ бишнав,
11 Ва бархоста, назди ҷалои ватан шудагон, назди писарони қавми
худ бирав, ва ба онҳо сухан ронда, бигӯй: „Худованд Худо чунин
мегӯяд“! — хоҳ бишнаванд ва хоҳ аз шунидан рӯй тобанд»+.
12 Ва маро Рӯҳи Худо боло бардошт, ва аз ақиби худ садои ғулғулаи
азиме шунидам: «Муборак аст ҷалоли Худованд аз макони Ӯ!»+
13 Ва садои болҳои ҳайвонҳоро, ки ба ҳамдигар бармехӯрд, ва
садои чарххоро, ки назди онҳо буд, ва садои ғулғулаи азиме+.
14 Ва Рӯҳи Худо маро бардошта бурд, ва ман бо талхӣ ва изтироби
рӯҳи худ мерафтам, ва дасти Худованд бар ман қавӣ буд+.

15 Ва назди ҷалои ватан шудагони Тал-Абиб, ки дар соҳили наҳри
Кабар сокин буданд, ва ба ҷойҳое ки онҳо менишастанд, омадам; ва
он ҷо дар миёни онҳо ҳафт рӯз нишастам, дар ҳолате ки моту мабҳут
будам+.

16 •Ва чунин воқеъ шуд, ки баъд аз гузаштани ҳафт рӯз каломи
Худованд бар ман нозил шуда, гуфт:
17 «Эй писари одам! Ман туро барои хонадони Исроил дидбон
таъин намудаам, ва ту каломро аз даҳони Ман шунида, онҳоро аз
Ман огоҳ хоҳӣ намуд+.
18 Ҳангоме ки Ман ба шарире бигӯям: „Албатта хоҳӣ мурд!“ — вале
ту ӯро огоҳ накунӣ, ва сухане нагӯӣ барои он ки шарирро аз роҳи
шариронаи ӯ огоҳ намоӣ, то ки ӯ зинда монад, он шарир дар гуноҳи
худ хоҳад мурд, аммо хуни ӯро Ман аз дасти ту талаб хоҳам кард.
19 Валекин агар ту шариреро огоҳ намоӣ, ва ӯ аз шарорати худ ва
аз роҳи шариронаи худ тавба накунад, ӯ дар гуноҳи худ хоҳад мурд,
ва ту ҷони худро наҷот додаӣ+.
20 Ва агар одиле аз адолати худ даст кашида, ноинсофона амал
намояд, ва Ман санги пешпое пеши ӯ бигузорам, то ки ӯ бимирад, —
азбаски ту ӯро огоҳ нанамудаӣ, ӯ дар гуноҳи худ хоҳад мурд, ва
аъмоли одилонае ки ӯ ба ҷо овардааст, ба ёд оварда нахоҳад шуд,
валекин хуни ӯро Ман аз дасти ту талаб хоҳам кард+.
21 Ва ту агар одилеро огоҳ намоӣ, то ки он одил гуноҳ накунад, ва
ӯ гуноҳ накарда бошад, ӯ албатта зинда хоҳад монд, чунки огоҳиро
қабул кардааст, ва ту ҷони худро наҷот додаӣ».

## Рӯъёи дуюми ҷалоли Худованд.

22 Ва дар он ҷо дасти Худованд бар ман ниҳода шуд, ва Ӯ ба ман
гуфт: «Бархоста, сӯи даштрӯя бирав, ва дар он ҷо Ман бо ту сухан
хоҳам ронд»+.
23 Ва ман бархоста, сӯи даштрӯя равона шудам, ва инак дар он ҷо
ҷалоли Худованд, мисли ҷалоле ки назди наҳри Кабар дида будам,
истодааст, ва ман бар рӯи худ афтодам+.
24 Ва Рӯҳи Худо дар ман дохил шуда, маро ба поҳоям бархезонид,
ва бо ман сухан ронда, ба ман гуфт: «Рафта, худро андаруни хонаи
худ бибанд.

[25] Ва ту, эй писари одам, — инак танобҳо бар ту ниҳода, туро бо
онҳо бандубаст хоҳанд кард, ва ту ба миёни онҳо нахоҳӣ рафт+.
[26] Ва Ман забони туро ба комат хоҳам часпонид, ва ту лол гардида,
барои онҳо носеҳ нахоҳӣ буд, зеро ки онҳо хонадони исьёнгар
мебошанд+.
[27] Ва ҳангоме ки бо ту сухан ронам, даҳони туро воз хоҳам кард, ва
ту ба онҳо хоҳӣ гуфт: „Худованд Худо чунин мегӯяд!“ Ҳар кӣ
шунидан хоҳад — бишнавад, ва ҳар кӣ рӯй тофтан хоҳад — рӯй тобад,
зеро ки онҳо хонадони исьёнгар мебошанд+.

## Масал дар бораи хишти хом;

## аломати муҳосираи Ерусалим.

4 [1] Ва ту, эй писари одам, барои худ хишти хоме бигир, ва онро
пеши худ бимон, ва шаҳреро, ки Ерусалим бошад, бар он нақш
каш;
[2] Ва онро муҳосира намо, ва истеҳкомоте ба муқобили он бисоз, ва
хокрезе назди он барпо кун, ва ӯрдугоҳҳо бар зидди он барқарор
намо, ва манҷаниқҳо дар гирди он ҷойгир кун+.
[3] Ва ту барои худ тобаи оҳанине бигир, ва онро чун девори
оҳанине дар мобайни худат ва ин шаҳр бимон, ва рӯи худро ба сӯи он
нигарон, ва он дар муҳосира хоҳад буд, ва ту онро муҳосира намо; ин
аломате барои хонадони Исроил хоҳад буд.
[4] Ва ту бар паҳлуи чапи худ бихоб, ва гуноҳи хонадони Исроилро
бар он бимон: мувофиқи адади рӯзҳое ки бар он бихобӣ, гуноҳи
онҳоро хоҳӣ бардошт.
[5] Ва Ман солҳои гуноҳи онҳоро бо адади рӯзҳо барои ту муайян
намудаам, ки сесаду навад рӯз хоҳад буд, ва ту гуноҳи онҳоро хоҳӣ
бардошт.
[6] Ва ҳангоме ки инро ба анҷом расонӣ, дубора бар паҳлуи рости
худ бихоб, ва гуноҳи хонадони Яҳудоро чил рӯз хоҳӣ бардошт: як
рӯзро ба ҷои як сол, як рӯзро ба ҷои як сол Ман барои ту муқаррар
намудаам+.
[7] Ва рӯи худро ба муҳосираи Ерусалим нигарон, дар ҳолате ки
бозуи ту бараҳна бошад, ва дар бораи он нубувват намо.
[8] Ва инак Ман бар ту танобҳо ниҳодаам, ва ту то даме ки рӯзҳои
муҳосираи худро ба анҷом нарасонӣ, аз як паҳлуи худ ба паҳлуи
дигарат нахоҳӣ гашт+.
[9] Ва ту гандум ва ҷав, ва лӯбиё ва адас, ва арзан ва ҷуворӣ барои
худ бигир, ва онҳоро дар як зарф биомез, ва аз онҳо хӯроке барои худ
бипаз, ва дар муддати рӯзҳое ки бояд бар паҳлуи худ бихобӣ, яъне
сесаду навад рӯз, онро хоҳӣ хӯрд.
[10] Ва хӯроке ки мехӯрӣ, мувофиқи вазн, яъне рӯзе бист сиқл хоҳад
буд; вақт-вақт онро хоҳӣ хӯрд.

[11] Ва обро мувофиқи андоза хоҳӣ нӯшид, ки ба шашьяки ҳин
баробар бошад; вақт-вақт онро хоҳӣ нӯшид.
[12] Ва қурсҳои нони ҷав хоҳӣ хӯрд; ва онро дар пеши назари онҳо
бар саргини одам хоҳӣ пухт».
[13] Ва Худованд гуфт: «Банӣ-Исроил нони наҷиси худро дар миёни
халқҳое ки наздашон онҳоро пароканда мекунам, ҳамин тавр хоҳанд
хӯрд»+.
[14] Ва ман гуфтам: «Ё Худоё Худовандо! Ҷони ман ҳаргиз наҷис
нашудааст, ва аз кӯдакии худ то алҳол лоша ва даридашударо
нахӯрдаам; ва гӯшти ганда ба даҳонам надаромадааст»+.
[15] Ва ба ман гуфт: «Бидон, ки Ман ба ту саргини говро ба ҷои
саргини одам иҷозат медиҳам; ва ту нони худро бар он хоҳӣ пухт».
[16] Ва ба ман гуфт: «Эй писари одам! Инак Ман муттакои нонро дар
Ерусалим дарҳам хоҳам шикаст, ва нонро мувофиқи вазн ва бо ғами
фардо хоҳанд хӯрд; ва обро мувофиқи андоза бо маъюсӣ хоҳанд
нӯшид+.
[17] Зеро ки нон ва оби онҳо камӣ хоҳад кард; ва онҳо бо навмедӣ ба
ҳамдигар назар хоҳанд кард, ва дар гуноҳи худ талаф хоҳанд шуд.

## Масал дар бораи теғи тез; аломати қаҳтӣ, вабо ва ҷанг.

5 1 Ва ту, эй писари одам, теги тезе барои худ бигир, покуи
сартарошонро барои худ бигир, ва онро бар сари худ ва бар риши
худ бирон; ва тарозуе барои худ гирифта, мӯйҳоро тақсим намо.
2 Сеякашро андаруни шаҳр ба оташ бисӯзон, вақте ки рӯзҳои
муҳосира ба анҷом расад; ва сеякашро гирифта, дар атрофи он бо теғ
бизан, ва сеякашро ба бод пароканда намо, ва Ман аз ақиби онҳо
шамшер хоҳам кашид+.
3 Ва адади каме аз он мӯйҳо гирифта, онҳоро дар домани худ
бибанд+.
4 Ва аз онҳо боз бигир, ва онҳоро ба даруни оташ биандоз, ва
онҳоро дар оташ бисӯзон; оташе аз он ба сӯи тамоми хонадони
Исроил берун хоҳад омад».
5 Худованд Худо чунин мегӯяд: ин Ерусалим аст, ки Ман онро дар
миёни халқҳо ҷойгир кардаам, ва дар гирди он — кишварҳоро.
6 Валекин он ба зидди дастурҳои Ман бадтар аз халқҳо, ва ба
зидди фароизи Ман бадтар аз кишварҳое ки дар гирди он мебошанд,
исьён кард; зеро ки онҳо аз дастурҳои Ман нафрат карданд, ва
фароизи Маро пайравӣ нанамуданд+.
7 Бинобар ин Худованд Худо чунин мегӯяд: азбаски шумо назар ба
халқҳое ки дар гирди шумо мебошанд, зиёдтар бетартибӣ кардед, ва
аз дастурҳои Ман нафрат намудед, ва фароизи Маро пайравӣ
накардед, ва ҳатто бар тибқи дастурҳои халқҳое ки дар гирди шумо
мебошанд, амал нанамудед,
8 Бинобар ин Худованд Худо чунин мегӯяд: инак Ман низ ба ту зид
ҳастам, ва андаруни ту дар пеши назари халқҳо довариҳо хоҳам
намуд;+
9 Ва бар ту, ба сабаби тамоми аъмоли зишти ту, корҳое хоҳам
кард, ки ҳаргиз накардаам, ва мисли онҳо дигар нахоҳам кард+.
10 Бинобар ин падарон андаруни ту писаронро хоҳанд хӯрд, ва
писарон падарони худро хоҳанд хӯрд, ва Ман бар ту довариҳо хоҳам
намуд, ва тамоми бақияи туро ба сӯи ҳар бод пароканда хоҳам кард+.
11 Бинобар ин ба ҳаёти Худам қасам ки, мегӯяд Худованд Худо,
азбаски ту хонаи муқаддаси Маро бо тамоми қабоҳати худ ва бо

тамоми аъмоли зишти худ палид кардаӣ, Ман низ эътино нахоҳам
кард, ва чашмам риққат нахоҳад овард, Ман низ раҳм нахоҳам кард+.
12 Сеяки мардумонат андаруни ту аз вабо хоҳанд мурд ва аз қаҳтӣ
ба ҳалокат хоҳанд расид; ва сеяки дигар дар гирди ту аз шамшер
хоҳанд афтод; ва сеяки боқиро Ман ба сӯи ҳар бод пароканда намуда,
аз ақиби онҳо шамшер хоҳам кашид+.
13 Ва чун ғазабам ба итмом расад, ва хашми Худро бар онҳо фурӯ
резам, он гоҳ Ман тасаллӣ хоҳам ёфт, ва онҳо, баъд аз он ки хашми
Худро бар онҳо фурӯ рехта ба итмом расонам, хоҳанд донист, ки
Ман, ки Худованд ҳастам, дар қаҳри Худ сухан рондаам+.
14 Ва туро дар миёни халқҳое ки дар гирди ту мебошанд, дар
назари ҳар роҳгузар ба харобӣ ва шармандагӣ гирифтор хоҳам кард.
15 Ва ҳангоме ки бар ту бо хашм ва ғазаб ва мазамматҳои сахт
довариҳо намоям, ин барои халқҳое ки дар гирди ту мебошанд,
сабаби нанг ва дашном ва ибрат ва даҳшат хоҳад буд; Ман, ки
Худованд ҳастам, гуфтам+.
16 Ҳангоме ки Ман тирҳои шадиди қаҳтиро, ки барои ҳалокат
мебошанд, бифиристам, Ман онҳоро барои талаф кардани шумо
хоҳам фиристод, ва қаҳтиро бар шумо торафт сахт хоҳам кард, ва
муттакои нони шуморо дарҳам хоҳам шикаст;+
17 Ва бар шумо қаҳтӣ ва ҳайвони даррандаро хоҳам фиристод, то
ки туро бефарзанд гардонанд, ва вабо ва хун андаруни ту гузар
хоҳанд кард, ва шамшере бар ту равона хоҳам намуд; Ман, ки
Худованд ҳастам, гуфтам+.

## Мурочиат ба кӯҳҳои Исроил.

6 [1] Ва каломи Худованд бар ман нозил шуда, гуфт:
[2] «Эй писари одам! Рӯи худро ба кӯҳҳои Исроил нигаронида,
дар бораи онҳо нубувват намо,+
[3] Ва бигӯй: эй кӯҳҳои Исроил, каломи Худованд Худоро бишнавед!
Худованд Худо ба кӯҳҳо ва теппаҳо, ба водиҳо ва дараҳо чунин
мегӯяд: инак Ман шамшере бар шумо меоварам, ва баландиҳои
шуморо нест хоҳам кард.
[4] Ва қурбонгоҳҳои шумо валангор гардида, ҳайкалҳои шамсии
шумо шикаста хоҳад шуд, ва мақтулони шуморо пеши бутҳои шумо
хоҳам партофт+.
[5] Ва лошаҳои банӣ-Исроилро пеши бутҳои онҳо хоҳам гузошт; ва
устухонҳои шуморо дар гирди қурбонгоҳҳои шумо пош хоҳам дод+.
[6] Дар ҳамаи иқоматгоҳҳои шумо шаҳрҳо хароб, ва баландиҳо
валангор хоҳад шуд, то ки қурбонгоҳҳои шумо хароб ва валангор
шавад, ва бутҳои шумо шикаста нобуд гардад, ва ҳайкалҳои шамсии
шумо нест шавад, ва аъмоли шумо маҳв гардад.
[7] Ва андаруни шумо мақтулон хоҳанд афтод, ва шумо хоҳед
донист, ки Ман Худованд ҳастам.

## Худованд бақияро маҳфуз хоҳад дошт.

[8] Валекин бақияе нигоҳ хоҳам дошт, ва ҳангоме ки шумо дар
кишварҳо пароканда гардед, аз шумо дар миёни халқҳо растагорони
шамшер хоҳанд буд+.
[9] Ва растагорони шумо дар миёни халқҳо, дар ҷойҳое ки онҳоро ба
асирӣ бурдаанд, Маро ба ёд хоҳанд овард, ки Ман дили зинокори
онҳоро, ки аз Ман дур шуда буд, ва чашмони онҳоро, ки аз паси
бутҳошон зино мекард, дарҳам шикастаам, ва онҳо барои бадиҳое ки
илова ба тамоми аъмоли зишти худ кардаанд, аз худашон нафрат
хоҳанд дошт,+
[10] Ва хоҳанд донист, ки Ман Худованд ҳастам, ва Ман беҳуда
нагуфтаам, ки бар онҳо ин мусибатро хоҳам овард».

## Мамлакат ба харобӣ дучор гардидааст.

11 Худованд Худо чунин мегӯяд: «Каф ба каф бизан ва бо пои худ заминро бикӯб, ва бигӯй: эй вой аз тамоми аъмоли зишти хонадони Исроил, ки аз шамшер, қаҳтӣ ва вабо хоҳанд афтод!+

12 Касе ки дур бошад, аз вабо хоҳад мурд, ва касе ки наздик бошад, аз шамшер хоҳад афтод, ва касе ки дар муҳосира боқӣ монда бошад, аз қаҳтӣ хоҳад мурд; ва Ман ғазаби Худро бар онҳо ба итмом хоҳам расонид.

13 Ва хоҳед донист, ки Ман Худованд ҳастам, вақте ки мақтулони онҳо дар миёни бутҳои онҳо, дар гирди қурбонгоҳҳои онҳо, бар ҳар теппаи баланд, бар ҳамаи қуллаҳои кӯҳҳо, ва зери ҳар дарахти сабзу хуррам, ва зери ҳар дарахти пистаи сершоха, дар ҷое ки барои ҳамаи бутҳои худ атри гуворо меоварданд, биафтанд+.

14 Ва Ман дасти Худро бар онҳо дароз карда, заминро дар ҳамаи иқоматгоҳҳои онҳо бештар аз биёбони Диблото валангор ва харобазор хоҳам гардонид; ва хоҳанд донист, ки Ман Худованд ҳастам».

## Доварии саҳмгини Худо бар Исроил фаро расидааст.

# 7

1 Ва каломи Худованд бар ман нозил шуда, гуфт:
2 «Ва ту, эй писари одам! Худованд Худо ба замини Исроил
чунин мегӯяд: интиҳост! Бар чор канори замин интиҳо омадааст!+
3 Алҳол интиҳо бар туст, ва Ман ғазаби Худро бар ту мефиристам,
ва туро бар тибқи рафторат доварӣ хоҳам намуд, ва мувофиқи
тамоми аъмоли зиштат ба ту талофӣ хоҳам дод.
4 Ва чашмам бар ту риққат нахоҳад овард, ва Ман раҳм нахоҳам
кард, балки ба ту бар тибқи рафтор ва аъмоли зишти ту, ки андаруни
туст, подош хоҳам дод; ва хоҳед донист, ки Ман Худованд ҳастам»+.
5 Худованд Худо чунин мегӯяд: «Фалокат, инак фалокати беназир
меояд.
6 Интиҳо меояд, интиҳо меояд; он ба зидди ту қиём намудааст;
инак, меояд.
7 Завол сӯи ту меояд, эй сокини замин! Вақт мерасад, он рӯз
наздик аст, ки дар ивази нидоҳои шодиёна бар кӯҳҳо ҳарҷумарҷ
барпо мешавад+.
8 Алҳол хашми Худро ба зудӣ бар ту фурӯ хоҳам рехт, ва ғазаби
Худро бар ту ба итмом хоҳам расонид, ва туро бар тибқи рафторат
доварӣ хоҳам намуд, ва мукофоти тамоми аъмоли зиштатро ба ту
хоҳам дод.
9 Ва чашмам риққат нахоҳад овард, ва Ман раҳм нахоҳам кард; ба
ту бар тибқи рафтор ва аъмоли зишти ту, ки андаруни туст, подош
хоҳам дод; ва хоҳед донист, ки Ман Худованди ҷазодиҳанда ҳастам+.
10 Инак он рӯз! Инак меояд: завол берун омадааст, чӯбдаст ғунча
бастааст, бадқасдӣ гул кардааст.
11 Зулм қиём намуда, чӯбдасти шарорат гардидааст; на аз онҳо, ва
на аз анбӯҳи онҳо, ва на аз ғулғулаи онҳо осоре нахоҳад монд, ва касе
боқӣ нахоҳад монд, ки ба онҳо навҳа кунад.
12 Вақт расидааст, он рӯз омадааст; касе ки харида бошад, бигзор
шодӣ накунад, ва касе ки фурӯхта бошад, бигзор мотам нагирад, зеро
ки ғазаб бар тамоми анбӯҳи онҳост.
13 Зеро касе ки фурӯхта бошад, сӯи чизе ки фурӯхтааст, нахоҳад
баргашт, гарчанде ки ҷони онҳо ҳанӯз дар қайди ҳаёт бошад; чунки
рӯъё дар бораи тамоми анбӯҳи онҳост, ва касе нахоҳад баргашт, ва

ҳар кас ҷонашро ба гуноҳи худаш барбод хоҳад дод, ва онҳо истодагӣ
натавонанд кард+.
14 Карнай навохтаанд, ва ҳама чизро муҳайё кардаанд, валекин
касе ба ҷанг намеравад; зеро ки ғазаби Ман бар тамоми анбӯҳи
онҳост.
15 Шамшер аз берун аст, ва вабо ва қаҳтӣ — аз дарун; касе ки дар
саҳрост, аз шамшер хоҳад мурд, ва касе ки дар шаҳр аст, қаҳтӣ ва
вабо кори варо тамом хоҳанд кард+.
16 Растагорони онҳо хоҳанд гурехт, ва бар кӯҳҳо мисли
кабӯтарони дараҳо хоҳанд буд; ҳар яке аз онҳо ба сабаби гуноҳи худ
оҳу нола хоҳанд кард+.
17 Ҳамаи дастҳо бемаҷол, ва ҳамаи зонуҳо мисли об беҳол хоҳад
шуд+.
18 Ва палос дар бар хоҳанд кард, ва ларза онҳоро фаро хоҳад
гирифт; ва бар ҳамаи рӯйҳо хиҷолат дида хоҳад шуд, ва мӯйсари
ҳамаашон тарошида хоҳад шуд+.
19 Нуқраи худро онҳо ба кӯчаҳо хоҳанд партофт, ва тиллои онҳо
чизи наҷисе ҳисоб хоҳад ёфт; нуқра ва тиллои онҳо дар рӯзи қаҳри
Худованд онҳоро халосӣ натавонад дод; онҳо ҷони худро аз он сер, ва
амъои худро пур натавонанд кард, зеро ки он ба гуноҳи онҳо сабаб
шудааст+.
20 Ва асбоби зебу зинати худро, ки аз он мебошад, онҳо боиси
ифтихор гардонидаанд, ва бутҳои зишт ва қабеҳи худро аз он
сохтаанд; барои ҳамин ҳам Ман онро барояшон ба чизи наҷисе
табдил хоҳам дод.
21 Ва онро ба дасти бегонаҳо барои ғорат, ва ба шарирони замин
барои тороҷ хоҳам супурд; ва онҳо онро палид хоҳанд кард.
22 Ва рӯи Худро аз онҳо хоҳам гардонид, ва ниҳонгоҳи Маро палид
хоҳанд кард; ва тороҷгарон ба он дохил шуда, онро палид хоҳанд
кард.
23 Занҷир бисоз, зеро ки замин аз ҷиноятҳои хунин пур шудааст,
ва шаҳр аз зулм мамлӯ аст+.
24 Ва Ман шариртарини халқҳоро хоҳам овард, ва хонаҳои онҳоро
соҳиб хоҳанд шуд; ва ба ғурури зӯроварон хотима хоҳам дод, ва
ҷойҳои муқаддаси онҳо палид хоҳад шуд+.

[25] Таҳлука меояд; ва сулҳу осоиштагӣ талаб хоҳанд кард, вале ёфт
нахоҳад шуд.
[26] Фалокат бар фалокат меояд, ва овоза бар овоза ба гӯш мерасад;
ва рӯъёе аз набӣ талаб хоҳанд кард, вале дастур аз коҳин, ва
машварат аз пирон барҳам хоҳад хӯрд+.
[27] Подшоҳ мотам хоҳад гирифт, ва раис пероҳани саргумӣ хоҳад
пӯшид, ва дастҳои қавми замин ба ларза хоҳад омад; бар тибқи
рафторашон бо онҳо амал хоҳам кард, ва мувофиқи ҷиноятҳошон
онҳоро доварӣ хоҳам намуд; ва онҳо хоҳанд донист, ки Ман Худованд
ҳастам».

## Рӯъёи сеюми ҷалол.

**8** 1 Ва чунин воқеъ шуд, ки дар соли шашум, дар рӯзи панҷуми
моҳи шашум, ман дар хонаи худ нишаста будам, ва пирони Яҳудо
пеши ман нишаста буданд, ва дар он ҷо дасти Худованд Худо бар ман
фурӯд омад+.
2 Ва ман дидам, ки инак сурате мисли намуди оташ буд; аз намуди
камараш то поён — оташ, ва аз камараш то боло мисли намуди
дурахше, мисли барқе буд+.
3 Ва чизе мисли даст дароз карда, маро аз мӯи сарам қапид, ва
Рӯҳи Худо маро дар мобайни замин ва осмон бардошт, ва маро дар
рӯъёҳои Худо ба Ерусалим, ба даҳани дарвозаи дохилӣ, ки рӯ ба
ҷониби шимол буд, овард, ки дар он ҷо бути рашки рашкангез
гузошта шуда буд+.
4 Ва инак дар он ҷо ҷалоли Худои Исроил мисли он намуде буд, ки
ман дар даштрӯя дида будам+.
5 Ва ба ман гуфт: «Эй писари одам! Чашмонатро ба тарафи роҳи
шимолӣ баланд кун». Ва ман чашмонамро ба тарафи роҳи шимолӣ
баланд кардам, ва инак ба тарафи шимолии дарвозаи қурбонгоҳ ин
бути рашкро назди даромадгоҳ дидам.
6 Ва ба ман гуфт: «Эй писари одам! Оё ту он чиро, ки онҳо
мекунанд, мебинӣ? Он корҳои зишти азимеро, ки хонадони Исроил
дар ин ҷо мекунанд, то ки Ман аз хонаи муқаддаси Худ дур шавам?
Валекин ту боз корҳои зишти азимтарро хоҳӣ дид».
7 Ва маро назди даромадгоҳи саҳн овард, ва ман назар кардам, ва
инак сӯрохе дар девор буд.
8 Ва ба ман гуфт: «Эй писари одам! Деворро бикан». Ва ман
деворро кандам, ва инак даромадгоҳе пайдо шуд+.
9 Ва ба ман гуфт: «Дохил шав ва корҳои зишти нафратангезро, ки
онҳо дар ин ҷо мекунанд, бубин».
10 Ва ман дохил шуда, дидам, ва инак ҳар гуна нақшҳои хазандагон
ва ҳайвонҳои наҷис, ва ҳамаи бутҳои хонадони Исроил бар девор
гирдогирд ҳак карда шудааст+.
11 Ва ҳафтод нафар аз пирони хонадони Исроил пеши онҳо
истодаанд, ва Яазанъё ибни Шофон дар миёни онҳо истодааст, ва ҳар
яке маҷмари худро дар даст дорад, ва бӯи абри бухур боло мебарояд.

[12] Ва ба ман гуфт: «Оё ту, эй писари одам, он чиро, ки пирони
хонадони Исроил дар торикӣ, ҳар яке дар ҳуҷраҳои бутпарастии худ
мекунанд, дидӣ? Зеро ки мегӯянд: „Худованд моро намебинад,
Худованд ин заминро тарк кардааст“»+.
[13] Ва ба ман гуфт: «Боз корҳои зишти азимтарро, ки онҳо
мекунанд, хоҳӣ дид».
[14] Ва маро ба даҳани дарвозаи хонаи Худованд, ки ба тарафи
шимол буд, овард, ва инак дар он ҷо заноне нишастаанд, ки барои
Таммуз* навҳагарӣ мекунанд.
[15] Ва ба ман гуфт: «Оё дидӣ, эй писари одам? Боз корҳои зишти аз
ин азимтарро хоҳӣ дид».
[16] Ва маро ба саҳни дохилии хонаи Худованд овард, ва инак назди
дари даромади толори маъбади Худованд, дар миёни равоқ ва
қурбонгоҳ, тақрибан бисту панҷ кас истодаанд, ки пуштҳошон ба
толори маъбади Худованд ва рӯйҳошон ба тарафи шарқ мебошад, ва
онҳо ба тарафи шарқ ба офтоб саҷда мекунанд+.
[17] Ва ба ман гуфт: «Оё дидӣ, эй писари одам? Оё барои хонадони
Яҳудо кардани чунин корҳои зишт, ки дар ин ҷо мекунанд, кам аст,
ки боз онҳо заминро аз зулм пур мекунанд ва ба роҳи бутпарастӣ
баргашта, Маро ба ғазаб меоваранд? Инак онҳо навдаеро ба биниҳои
худ медоранд.
[18] Бинобар ин Ман низ бо ғазаб амал хоҳам намуд: чашмам риққат
нахоҳад овард, ва Ман раҳм нахоҳам кард, ва ҳарчанд ба гӯшҳои Ман
бо овози баланд бихонанд, онҳоро иҷобат нахоҳам намуд»+.

## Рӯъёи куштори бузург дар Ерусалим.

9 [1]Ва бо овози баланде ба самъи ман хонда, гуфт: «Бигзор
амалдорони шаҳр наздик шаванд, ва ҳар кас олати ҳалокатовари
худро дар дасташ дошта бошад».
[2]Ва инак шаш нафар аз роҳи дарвозаи боло, ки рӯ ба ҷониби
шимол буд, омаданд, ва ҳар кадомро олати харобкунандааш дар
дасташ буд, ва дар миёни онҳо як мард либоси катон дар тан дошт, ва
дар камараш лавозимоти хатнависӣ буд; ва онҳо омада, назди
қурбонгоҳи мисин истоданд+.
[3]Ва ҷалоли Худои Исроил аз болои каррубӣ, ки бар он буд, ба
остонаи маъбад баромад; ва он мардро, ки либоси катон дар тан
дошт, ва лавозимоти хатнависӣ дар камараш буд, даъват намуд.
[4]Ва Худованд ба вай гуфт: «Аз миёнаи шаҳр, яъне аз миёнаи
Ерусалим гузар намо, ва бар пешонии одамоне ки дар бораи ҳамаи
корҳои зиште ки андаруни он карда мешавад, оҳу фиғон мекунанд,
аломате бигузор»+.
[5]Ва ба онҳо ба самъи ман гуфт: «Аз ақиби ин мард дар шаҳр гузар
кунед ва зарба занед: бигзор чашмонатон риққат наоварад, ва раҳм
накунед+.
[6]Пирон, ҷавонон ва духтарон, ва кӯдакон ва занонро кушта нобуд
кунед, валекин ба ҳар касе ки бар худ аломат дорад, наздик нашавед,
ва аз хонаи муқаддаси Ман оғоз намоед». Ва онҳо аз пироне ки пеши
хона буданд, оғоз карданд+.
[7]Ва ба онҳо гуфт: «Маъбадро палид кунед ва саҳнҳоро аз
мақтулон пур карда, берун равед». Ва онҳо берун рафтанд, ва дар
шаҳр зарба задан гирифтанд.
[8]Ва ҳангоме ки онҳо зарба мезаданд, ва ман боқӣ мондам, бар рӯи
худ афтода, фарьёд кашидам, ва гуфтам: «Ё Худоё Худовандо! Оё Ту,
чун ғазабатро бар Ерусалим фурӯ резӣ, тамоми бақияи Исроилро
несту нобуд хоҳӣ кард?»+
[9]Ва ба ман гуфт: «Гуноҳи хонадони Исроил ва Яҳудо бағоят азим
аст, ва ин замин аз хун пур шудааст, ва ин шаҳр аз беадолатӣ пур аст;
зеро ки онҳо мегӯянд: „Худованд ин заминро тарк кардааст, ва
Худованд намебинад“+.

10 Бинобар ин чашми ман низ риққат нахоҳад овард, ва Ман раҳм
нахоҳам кард: подоши рафторашонро бар сарашон хоҳам овард»**+**.
11 Ва инак марде ки либоси катон дар тан дошт, ва лавозимоти
хатнависӣ дар камараш буд, ҷавоб гардонда, гуфт: «Ҳар он чи Ту амр
фармудӣ, ба ҷо овардам».

## Рӯъёи чархҳои иборат аз сангҳои ёқути кабуд бо каррубиён.

10 [1] •Ва ман дидам, ва инак бар фалаке ки болои сари
каррубиён буд, чизе мисли санги ёқути кабуд, мисли намуди
сурати тахт бар онҳо намудор шуд.
[2] Ва Худо ба марде ки либоси катон дар тан дошт, муроҷиат
намуда, гуфт: «Дар миёни чархҳои зери каррубиён дохил шав ва
муштҳоятро аз ахгарҳои оташе ки дар миёни каррубиён аст, пур
карда, бар шаҳр парто». Ва ӯ дар пеши назари ман дохил шуд+.
[3] Ва ҳангоме ки он мард дохил шуд, каррубиён ба тарафи рости
маъбад истода буданд, ва абр саҳни дохилиро пур кард+.
[4] Ва ҷалоли Худованд аз болои каррубӣ ба остонаи маъбад
баромад, ва абр хонаро пур кард, ва саҳн аз дурахши ҷалоли
Худованд пур шуд.
[5] Ва садои болҳои каррубиён то саҳни берунӣ шунида шуд, ба
монанди овози Худои Қодир, вақте ки Ӯ сухан меронад.
[6] Ва ҳангоме ки Ӯ ба марди катонпӯш амр фармуда гуфт: «Оташро
аз миёни чархҳо, аз миёни каррубиён бигир», он мард дохил шуда,
назди чарх истод,
[7] Ва каррубие дасти худро аз миёни каррубиён ба оташе ки дар
миёни каррубиён буд, дароз кард, ва онро бардошта, ба ҳавучҳои
марди катонпӯш дод, ва ӯ онро гирифта, берун рафт.

## Тасвири намуди каррубиён.

[8] Ва дидам, ки дар зери болҳои каррубиён тарҳи дасти одам
намудор шуд.
[9] Ва ман дидам, ва инак чор чарх назди каррубиён, яъне як чарх
назди як каррубӣ, ва чархи дигар назди каррубии дигар намудор
шуд, ва намуди чархҳо мисли санги забарҷад буд.
[10] Ва намудашон тавре буд, ки ҳар чорашон як сурат доштанд, гӯё
ки чархе тақотӯи чарх бошад.
[11] Онҳо чун роҳ мерафтанд, ба чор самти худ мерафтанд, дар вақти
рафтанашон рӯй намегардониданд, зеро ба самте ки сар сӯи он
менигарист, мерафтанд, ва дар вақти рафтанашон рӯй
намегардониданд.

12 Ва тамоми ҷисмашон, ва пуштҳошон, ва дастҳошон, ва
болҳошон, ва чарххо, — чарххои ҳар чорашон, — гирдогирд пур аз
чашмон буд+.
13 Ин чарххо, чунон ки ба гӯши ман расид, ғилдирак номида
шуданд.
14 Ва ҳар якеро чор рӯй буд: як рӯяш — рӯи карруби, ва рӯи
дуюмаш — рӯи одам, ва сеюмаш — рӯи шер, ва чорумаш — рӯи уқоб.
15 Ва каррубиён сууд карданд. Ин ҳамон ҳайвоне буд, ки назди
наҳри Кабар дида будам+.
16 Ва ҳангоме ки каррубиён роҳ мерафтанд, чарххо низ назди онҳо
роҳ мерафтанд; ва ҳангоме ки каррубиён болҳои худро
бармеафроштанд, то аз болои замин сууд намоянд, чарххо низ аз
назди онҳо рӯй намегардониданд:
17 Ҳангоми истоданашон меистоданд, ва ҳангоми сууд
карданашон бо онҳо сууд мекарданд, зеро ки рӯҳи ҳайвон дар онҳо
буд.
18 Ва ҷалоли Худованд аз болои остонаи маъбад берун омад, ва бар
каррубиён истод,
19 Ва каррубиён болҳои худро барафроштанд, ва дар пеши назари
ман аз замин сууд карда, берун рафтанд, ва чарххо назди онҳо
буданд; ва дар даҳани дарвозаи шарқии хонаи Худованд истоданд, ва
ҷалоли Худои Исроил аз боло бар онҳо буд+.
20 Ин ҳамои ҳайвоне буд, ки зери пои Худои Исроил назди наҳри
Кабар дида будам, ва ман донистам, ки инҳо каррубиёнанд.
21 Ҳар якеро чор рӯй буд, ва ҳар яке чор бол дошт; ва сурати
дастҳои одам зери болҳошон буд.
22 Ва сурати рӯйҳошон ҳамон рӯйҳое буд, ки назди наҳри Кабар
дида будам; намуди онҳо айни ҳамон буд; ҳар кадомашон ба самти
рӯи худ мерафтанд.

## Рӯъё дар бораи ҷазо додани сардорон.

**11** 1 Ва Рӯҳи Худо маро бардошта, назди дарвозаи шарқии хонаи
Худованд, ки рӯ ба ҷониби шарқ буд, овард, ва инак ба даҳани
дарвоза бисту панҷ мард буданд; ва ман дар миёни онҳо сарварони
қавм — Яазаньё ибни Аззур ва Фалатьё ибни Баноёро дидам+.
2 Ва Худованд ба ман гуфт: «Эй писари одам! Инҳо касоне ҳастанд,
ки тадбирҳои шарирона меандешанд, ва дар ин шаҳр машваратҳои
бад медиҳанд,
3 Ва мегӯянд: „Вақти хонасозӣ наздик нест; ин шаҳр дег аст, ва мо
— гӯшт“.
4 Бинобар ин ба муқобили онҳо нубуввват намо, эй писари одам,
нубувват намо!»
5 Ва Рӯҳи Худованд бар ман нозил шуда, ба ман гуфт: «Бигӯй, ки
Худованд чунин мегӯяд: шумо, эй хонадони Исроил, ин тавр сухан
меронед, валекин андешаҳои дили шуморо Ман медонам.
6 Бисьёр касонро шумо дар ин шаҳр куштаед, ва кӯчаҳои онро аз
мақтулон пур кардаед+.
7 Бинобар ин Худованд Худо чунин мегӯяд: мақтулони шумо, ки
андаруни он гузоштаед, гӯшт мебошанд; ва он — дег аст; валекин
шуморо ман аз даруни он берун хоҳам овард.
8 Шумо аз шамшер метарсед, вале Ман шамшерро бар шумо хоҳам
овард, мегӯяд Худованд Худо+.
9 Ва шуморо аз даруни он берун хоҳам овард, ва шуморо ба дасти
бегонаҳо хоҳам супурд, ва бар шумо доварӣ хоҳам кард.
10 Аз шамшер хоҳед афтод; назди сарҳади Исроил бар шумо доварӣ
хоҳам кард, ва шумо хоҳед донист, ки Ман Худованд ҳастам.
11 Ин шаҳр барои шумо дег нахоҳад буд, ва шумо андаруни он
гӯшт нахоҳед буд; назди сарҳади Исроил бар шумо доварӣ хоҳам
кард.
12 Ва шумо хоҳед донист, ки Ман Худованд ҳастам, ки шумо бар
тибқи фароизи Ман рафтор накардед ва дастурҳои Маро ба ҷо
наовардед, балки бар тибқи дастурҳои халқҳое ки дар гирди шумо
мебошанд, амал кардед».
13 Ва чунин воқеъ шуд, ки чун нубувват менамудам, Фалатьё ибни
Баноё мурд; ва ман бар рӯи худ афтодам ва бо овози баланд фарьёд

зада, гуфтам: «Ё Худоё Худовандо! Наҳод ки Ту бақияи Исроилро
тамоман несту нобуд мекунӣ?»+

## Ваъдаи маҳфуз доштани бақия.

14 Ва каломи Худованд бар ман нозил шуда, гуфт:
15 «Эй писари одам! Бародаронат, бародаронат, одамони наздикат,
ва тамоми хонадони Исроил саросар касоне мебошанд, ки дар бораи
онҳо сокинони Ерусалим мегӯянд: „Онҳо аз Худованд дур шудаанд;
ин замин ба мо барои тасарруф дода шудааст“.
16 Бинобар ин бигӯй: „Худованд Худо чунин мегӯяд: агарчи Ман
онҳоро дур андохтаам, ва агарчи онҳоро дар кишварҳо пароканда
кардаам, валекин Ман барои онҳо дар кишварҳое ки ба он ҷо
омадаанд, андак замоне паноҳгоҳи муқаддасе будам“+.
17 Бинобар ин бигӯй: „Худованд Худо чунин мегӯяд: ва Ман
шуморо аз миёни қавмҳо ҷамъ хоҳам кард, ва шуморо аз кишварҳое
ки дар онҳо пароканда шудаед, фароҳам хоҳам овард, ва замини
Исроилро ба шумо хоҳам дод“+.
18 Ва ба он ҷо хоҳанд омад, ва тамоми бутҳои қабеҳи онро, ва
тамоми санамҳои зишти онро аз он дур хоҳанд кард.
19 Ва Ман ба онҳо дили ягонае хоҳам дод, ва рӯҳи тозае андаруни
онҳо хоҳам ниҳод, ва дили сангинро аз ҷисми онҳо дур хоҳам кард,
ва дили гӯштӣ ба онҳо хоҳам бахшид,+
20 То ки бар тибқи фароизи Ман рафтор намоянд ва дастурҳои
Маро риоя кунанд ва онҳоро ба ҷо оваранд, ва онҳо қавми Ман
хоҳанд буд, ва Ман Худои онҳо хоҳам буд+.
21 Валекин дар ҳаққи онҳое ки дилашон ба бутҳои қабеҳ ва
зишташон моил мешавад, Ман подоши рафтори онҳоро бар сарашон
хоҳам овард, мегӯяд Худованд Худо»+.

## Ҷалоли Худованд Ерусалимро тарк мекунад.

22 Ва каррубиён болҳои худро барафроштанд, ва чарххо назди онҳо
буданд, ва ҷалоли Худои Исроил аз боло бар онҳо буд+.
23 Ва ҷалоли Худованд аз даруни шаҳр сууд кард, ва бар кӯҳе ки ба
тарафи шарқии шаҳр воқеъ аст, таваққуф намуд+.
24 Ва дар рӯъё Рӯҳи Худо маро бардошт ва ба кишвари калдониён
назди ҷалои ватан шудагон овард; ва рӯъёе ки ман дидам, аз ман

ғоиб шуд;+
25 Ва ман тамоми калимоти Худовандро, ки Ӯ ба ман зоҳир сохт,
ба ҷалои ватан шудагон баён намудам.

## Рӯъё дар бораи наздик будани асирӣ.

12 [1] Ва каломи Худованд бар ман нозил шуда, гуфт:
[2] «Эй писари одам! Ту андаруни хонадони исьёнгар сукунат
дорӣ, ки онҳо чашмон барои дидан доранд, вале намебинанд, ва онҳо
гӯшҳо барои шунидан доранд, вале намешунаванд, зеро ки онҳо
хонадони исьёнгар мебошанд+.
[3] Ва ту, эй писари одам, барои худ бисоти ҷалои ватанро муҳайё
намо, ва рӯзона дар пеши назари онҳо муҳоҷират кун, ва аз макони
худ ба макони дигар дар пеши назари онҳо муҳоҷират кун; шояд
инро дида, фаҳм кунанд, агарчи хонадони исьёнгар мебошанд+.
[4] Ва бисоти худро, ҳамчун бисоти ҷалои ватан, рӯзона дар пеши
назари онҳо берун овар, ва худат шомгоҳ дар пеши назари онҳо,
ҳамчун касоне ки барои ҷалои ватан берун мераванд, берун рав.
[5] Дар пеши назари онҳо барои худ рахнае дар девор карда, аз он
берун овар+.
[6] Дар пеши назари онҳо бар китфат бимон, дар торикӣ берун овар,
рӯи худро бипӯшон, то ки заминро набинӣ, зеро ки туро аломате
барои хонадони Исроил гардонидаам».
[7] Ва ман тавре ки ба ман амр фармуда шуд, амал кардам: бисоти
худро, ҳамчун бисоти ҷалои ватан, рӯзона берун овардам, ва шомгоҳ
барои худ бо даст рахнае дар девор кардам; дар торикӣ берун
овардам, дар пеши назари онҳо бар китфам гузоштам.
[8] Ва бомдодон каломи Худованд бар ман нозил шуда, гуфт:
[9] «Эй писари одам! Оё хонадони Исроил, ки хонадони исьёнгар
мебошанд, ба ту нагуфтанд: „Ин чӣ кор аст, ки мекунӣ?“+
[10] Ба онҳо бигӯй: „Худованд Худо чунин мегӯяд: ин ваҳй дар бораи
раисест, ки дар Ерусалим мебошад, ва дар бораи тамоми хонадони
Исроил, ки андаруни он сокинанд“+.
[11] Бигӯй: „Ман аломате барои шумо ҳастам; чунон ки амал кардам,
ончунон ба онҳо амал карда хоҳад шуд: онҳо ҷалои ватан шуда, ба
асирӣ хоҳанд рафт“.
[12] Ва раисе ки дар миёни онҳост, дар торикӣ бисоти худро бар
китфаш гузошта, берун хоҳад рафт; рахнае дар девор хоҳанд кард, то
ки ӯро аз он берун оваранд; ӯ рӯи худро хоҳад пӯшонид, то ки
заминро бо чашми худ набинад.

13 Ва Ман доми Худро бар ӯ хоҳам афканд, ва ӯ дар тӯри Ман хоҳад
афтод, ва ӯро ба Бобил, ба замини калдониён хоҳам овард, ва ӯ онро
нахоҳад дид, ва дар он ҷо хоҳад мурд+.
14 Ва ҳамаи онҳоеро, ки дар гирду пеши ӯ ҳастанд, мададгорони ӯ
ва тамоми қӯшуни ӯро ба сӯи ҳар бод пароканда намуда, аз ақиби
онҳо шамшер хоҳам кашид+.
15 Ва ҳангоме ки онҳоро дар миёни халқҳо пароканда намоям ва
онҳоро дар кишварҳо парешон созам, онҳо хоҳанд донист, ки Ман
Худованд ҳастам+.
16 Валекин адади камеро аз онҳо аз шамшер, аз қаҳтӣ ва аз вабо
боқӣ хоҳам гузошт, то ҳамаи корҳои зишти худро дар миёни халқҳое
ки ба он ҷо мераванд, ҳикоят кунанд, ва хоҳанд донист, ки Ман
Худованд ҳастам»+.

## Асирии Исроил даранг нахоҳад кард.

17 Ва каломи Худованд бар ман нозил шуда, гуфт:
18 «Эй писари одам! Нони худро бо ларза бихӯр, ва оби худро бо
изтироб ва андӯҳ бинӯш.
19 Ва ба қавми ин замин бигӯй: „Худованд Худо дар ҳаққи
сокинони Ерусалим, дар ҳаққи замини Исроил чунин мегӯяд: онҳо
нони худро бо андӯҳ хоҳанд хӯрд, ва оби худро бо яъс хоҳанд нӯшид,
чунки замини онҳо аз боиси ситамгарии ҳамаи сокинонаш аз
фаровонии он маҳрум хоҳад шуд+.
20 Ва шаҳрҳои маскун хароб хоҳад гардид, ва ин замин валангор
хоҳад шуд, ва хоҳед донист, ки Ман Худованд ҳастам“».
21 Ва каломи Худованд бар ман нозил шуда, гуфт:
22 «Эй писари одам! Шуморо дар замини Исроил ин зарбулмасал
чист, ки мегӯед: „Айём тӯл мекашад, ва ҳар рӯъё нест мешавад“+?
23 Бинобар ин ба онҳо бигӯй: „Худованд Худо чунин мегӯяд: Ман
ин зарбулмасалро барҳам хоҳам дод, ва онро дигар дар Исроил
истеъмол нахоҳанд кард“; лекин ба онҳо бигӯй: айём наздик аст, ва
иҷрои ҳар рӯъё қариб.
24 Зеро ки ҳеҷ рӯъё ботил ва пешгӯии тамаллуқомез дар хонадони
Исроил дигар нахоҳад буд+.
25 Зеро Ман, ки Худованд хастам, сухан хоҳам гуфт, ва сухане ки
Ман бигӯям, ба амал хоҳад омад, ва дигар даранг нахоҳад кард, зеро
ки дар айёми шумо, эй хонадони исьёнгар, сухане хоҳам гуфт ва
онро ба ҷо хоҳам овард, мегӯяд Худованд Худо»+.
26 Ва каломи Худованд бар ман нозил шуда, гуфт:
27 «Эй писари одам! Инак хонадони Исроил мегӯянд: „Рӯъёе ки ӯ
мебинад, барои айёми кашол аст, ва ӯ барои замонхои дур нубувват
мекунад“+.
28 Бинобар ин ба онҳо бигӯй: „Худованд Худо чунин мегӯяд: ҳеҷ
каломи Ман дигар даранг нахоҳад кард: сухане ки Ман бигӯям, ба
амал хоҳад омад, мегӯяд Худованд Худо“».

## Фош кардани анбиёи козиб.

# 13

[1] Ва каломи Худованд бар ман нозил шуда, гуфт:
[2] «Эй писари одам! Дар бораи анбиёи Исроил, ки нубувват
мекунанд, нубувват намо, ва ба онҳое ки ба дилхоҳи худ нубувват
мекунанд, бигӯй: „Каломи Худовандро бишнавед!“»+
[3] Худованд Худо чунин мегӯяд: «Вой бар ҳоли анбиёи разиле ки
рӯҳи худро пайравӣ менамоянд, бе он ки рӯъёе дида бишанд!
[4] Анбиёи ту, эй Исроил, мисли рӯбоҳон дар харобазор мебошанд.
[5] Шумо ба рахнаҳо набаромадед ва деворе барои хонадони Исроил
барпо накардед, то ки онҳо дар рӯзи Худованд дар ҷанг истодагӣ
намоянд+.
[6] Рӯъёи ботил мебинанд ва бардурӯғ фол кушода, мегӯянд: „Худо
мегӯяд“, ва ҳол он ки онҳоро Худованд нафиристодааст; ва умедвор
мешаванд, ки суханашон ба амал хоҳад омад+.
[7] Оё шумо рӯъёи ботил надидед, ва бардурӯғ фол кушода,
нагуфтед: „Худованд мегӯяд“, ва ҳол он ки Ман чизе нагуфтаам?»
[8] Бинобар ин Худованд Худо чунин мегӯяд. «Азбаски шумо
суханони ботил гуфтаед ва рӯъёи бардурӯғ дидаед, ба ин сабаб инак
Ман ба шумо зид ҳастам, мегӯяд Худованд Худо+.
[9] Ва дасти Ман бар анбиёе ки рӯъёи ботил мебинанд ва бардурӯғ
фол мекушоянд, тӯло хоҳад буд; онҳо дар шӯрои қавми Ман дохил
нахоҳанд буд, ва дар дафтари хонадони Исроил навишта нахоҳанд
шуд, ва ба замини Исроил нахоҳанд омад; ва хоҳед донист, ки Ман
Худованд ҳастам+.
[10] Азбаски онҳо қавми Маро дар иштибоҳ андохта, мегуфтанд:
„Сулҳу осоиштагӣ“, ва ҳол он ки сулҳу осоиштагӣ набуд, ва ҳангоме
ки ин қавм таворае месохтанд, онҳо онро бо лои нобоб андова
мекарданд,+
[11] Пас ба онҳое ки бо лои нобоб андова мекунанд, бигӯй, ки он
тавора хоҳад афтод; борони сел хоҳад борид, ва шумо, эй сангҳои
жола, фурӯ хоҳед рехт, ва боди сахт онро хоҳад шикофт+.
[12] Ва инак, ҳангоме ки он девор фурӯ ғалтад, оё ба шумо нахоҳанд
гуфт: „Куҷост он андовае ки андуда будед?“
[13] Бинобар ин Худованд Худо чунин мегӯяд: Ман дар ғазаби Худ
боди сахтро ба шикофтан амр хоҳам кард, ва дар хашми Ман борони

сел хоҳад борид, ва сангҳои жола низ дар ғазаби ҳалокатовар.
14 Ва Ман он деворро, ки шумо бо лои нобоб андова кардаед, хароб
намуда, бар замин фурӯ хоҳам ғалтонид, ба тавре ки таҳкурсии он
намоён гардад, ва ҳангоме ки он фурӯ ғалтад, шумо андаруни он ба
ҳалокат хоҳед расид, ва хоҳед донист, ки Ман Худованд ҳастам+.
15 Ва Ман ғазаби Худро бар он девор ва бар онҳое ки онро бо лои
нобоб андова кардаанд, ба итмом расонида, ба шумо хоҳам гуфт: ин
девор нест шуд, ва онҳое ки онро андова карда буданд, несту нобуд
гардиданд,
16 Яъне он анбиёи Исроил, ки дар бораи Ерусалим нубувват
мекунанд ва барояш рӯъёи сулҳу осоиштагиро мебинанд, ва ҳол он
ки сулҳу осоиштагӣ нест, мегӯяд Худованд Худо.
17 Ва ту, эй писари одам, рӯи худро ба тарафи духтарони қавми
худ, ки ба дилхоҳи худ нубувват мекунанд, бигардон ва дар ҳаққи
онҳо нубувват намо.
18 Ва бигӯй: „Худованд Худо чунин мегӯяд: вой бар ҳоли онҳое ки
бозубандҳои ҷоду барои ҳар бозуе медӯзанд, ва чодирҳо барои сари
ҳар қомате месозанд, то ки ҷонҳоро сайд кунанд! Оё шумо ҷонҳои
қавми Маро сайд мекунед, то ки ҷонҳои худро зинда нигоҳ доред?
19 Ва Маро пеши қавми Ман барои як мушт ҷав ва як бурда нон
беҳурмат мекунед, ва ба қавми Ман, ки ба суханони дурӯғ гӯш
медиҳанд, дурӯғ гуфта, ҷонҳоеро, ки набояд бимиранд, мемиронед,
ва ҷонҳоеро, ки набояд зинда монанд, зинда мемононед+.
20 Бинобар ин Худованд Худо чунин мегӯяд: инак Ман ба
бозубандҳои ҷодуи шумо зид ҳастам, ки ба воситаи онҳо ҷонҳоро
мисли паррандагон сайд мекунед, ва Ман онҳоро аз болои бозуҳотон
хоҳам канд, ва ҷонҳоеро, ки шумо сайд мекунед, раҳоӣ хоҳам дод, то
ки он ҷонҳо парида раванд.
21 Ва чодирҳои шуморо хоҳам дарронид, ва қавми Худро аз дасти
шумо раҳо хоҳам кард, ва онҳо дар дастатон дигар мавриди сайд
нахоҳанд буд, ва хоҳед донист, ки Ман Худованд ҳастам.
22 Азбаски шумо дили марди одилро ба воситаи дурӯғи худ ғамгин
мекунед, — ва ҳол он ки Ман намехостам ғамгин намоям, — ва
дастҳои марди шарирро тақвият медиҳед, бе он ки вай аз рафтори
бади худ тавба карда, зинда монад,+

23 Бинобар ин дигар рӯъёҳои ботил нахоҳед дид ва фол нахоҳед кушод, ва Ман қавми Худро аз дасти шумо раҳо хоҳам кард, ва хоҳед донист, ки Ман Худованд ҳастам“»+.

## Дар борои пирони Ерусалим.

14 [1] Ва назди ман чанд нафар аз пирони Исроил омаданд, ва ба ҳузури ман нишастанд+.
[2] Ва каломи Худованд бар ман нозил шуда, гуфт:
[3] «Эй писари одам! Ин одамон бутҳои худро ба дили худ роҳ додаанд, ва васвасаи гуноҳи худро пеши рӯи худ гузоштаанд; оё месазад, ки Ман ба саволи онҳо ҷавоб гардонам+?
[4] Бинобар ин бо онҳо сухан ронда, ба онҳо бигӯй: „Худованд Худо чунин мегӯяд: ҳар касе ки аз хонадони Исроил бутҳои худро ба дили худ роҳ диҳад, ва васвасаи гуноҳи худро пеши рӯи худ бигузорад, ва назди набӣ биёяд, — Ман, ки Худованд ҳастам, ба касе ки омадааст, бо вуҷуди бисьёрии бутҳояш, ҷавоб хоҳам гардонид,
[5] То хонадони Исроил бо дили худ фаҳм кунанд, ки ҳамаашон ба воситаи бутҳои худ аз Ман дур шудаанд“.
[6] Бинобар ин ба хонадони Исроил бигӯй: „Худованд Худо чунин мегӯяд: тавба карда, аз бутҳои худ даст кашед, ва рӯйҳои худро аз ҳамаи корҳои зишти худ гардонед+.
[7] Зеро ҳар касе ки аз хонадони Исроил ва аз ғарибоне ки дар Исроил иқомат доранд, аз пайравии Ман дур шавад, ва бутҳои худро ба дили худ роҳ диҳад, ва васвасаи гуноҳи худро пеши рӯи худ бигузорад, ва назди набӣ омада, ба воситаи ӯ ба Ман савол диҳад, — Ман, ки Худованд ҳастам, Худам ба вай ҷавоб хоҳам гардонид.
[8] Ва Ман рӯи Худро ба зидди он кас хоҳам нигаронид, ва ӯро вожгун хоҳам кард, то ки аломате ва зарбулмасале гардад, ва ӯро аз миёни қавми Худ маҳв хоҳам намуд, ва хоҳед донист, ки Ман Худованд ҳастам+.
[9] Ва агар набие фирефта шуда, сухане гӯяд, Ман, ки Худованд ҳастам, он набиро фирефта намудаам, ва дасти Худро бар ӯ дароз карда, ӯро аз миёни қавми Худ — Исроил — барҳам хоҳам дод+.
[10] Ва онҳо бори гуноҳи худро хоҳанд бардошт: гуноҳи саволдиҳанда чӣ гунае ки бошад, гуноҳи набӣ ҳамон гуна хоҳад буд,
[11] То ки хонадони Исроил минбаъд аз пайравии Ман дур нашаванд, ва худро дигар бо ҳар навъ маъсиятҳои худ палид насозанд, балки қавми Ман бошанд, ва Ман Худои онҳо бошам, мегӯяд Худованд Худо“»+.

## Ерусалим амон нахоҳад ёфт.

12 Ва каломи Худованд бар Ман нозил шуда, гуфт:
13 «Эй писари одам! Агар замине пеши Ман гуноҳ карда, ба
дараҷаи хиёнат бирасад, ва Ман дасти Худро бар он дароз карда,
муттакои нони онро бишканам, ва қаҳтӣ бар он фиристода, инсон ва
ҳайвонро аз он маҳв намоям,+
14 Ва агар ин се мард: Нӯҳ, Дониёл ва Айюб андаруни он бошанд, —
онҳо бо адолати худ фақат ҷонҳои худро раҳо хоҳанд кард, мегӯяд
Худованд Худо+.
15 Ва агар ҳайвоноти даррандае ба он замин бифиристам, ки онро
бефарзанд гардонанд, ва он ба харобазоре мубаддал шавад, ба тавре
ки аз тарси он ҳайвонот касе аз он гузар накунад,
16 Гарчанде ки ин се мард андаруни он бошанд, ба ҳаёти Худам
қасам ки, мегӯяд Худованд Худо, онҳо писарон ва духтарони худро
раҳо нахоҳанд кард: танҳо худашон раҳоӣ хоҳанд ёфт, ва он замин ба
харобазоре мубаддал хоҳад шуд+.
17 Ё агар шамшере ба сари он замин биёрам ва бигӯям: „Эй
шамшер, аз ин замин убур намо!“, ва инсону ҳайвонро аз он маҳв
намоям,+
18 Гарчанде ки ин се мард андаруни он бошанд, ба ҳаёти Худам
қасам ки, мегӯяд Худованд Худо, онҳо писарон ва духтаронро раҳо
нахоҳанд кард, балки танҳо худашон раҳоӣ хоҳанд ёфт.
19 Ё агар вабое ба он замин бифиристам, ва ғазаби Худро бар он бо
хун фурӯ резам, то ки инсон ва ҳайвонро аз он маҳв намоям,
20 Гарчанде ки Нӯҳ, Дониёл ва Айюб андаруни он бошанд, ба ҳаёти
Худам қасам ки, мегӯяд Худованд Худо, онҳо писаре ва духтареро
раҳо нахоҳанд кард: онҳо бо адолати худ фақат ҷонҳои худро раҳо
хоҳанд кард.
21 Зеро ки Худованд Худо чунин мегӯяд: ҳарчанд ки чор қасоси
сахти Худ: шамшер ва қаҳтӣ ва ҳайвоноти дарранда ва вaборо бар
Ерусалим бифиристам, то ки инсон ва ҳайвонро аз он маҳв намоям,+
22 Вале инак бақияе дар он иборат аз писарон ва духтароне ки
берун оварда мешаванд, боқӣ хоҳанд монд; инак онҳо назди шумо
берун хоҳанд омад, ва шумо рафтор ва кирдори онҳоро хоҳед дид, ва

дар мусибате ки бар Ерусалим овардаам, яъне дар ҳар чизе ки Ман ба
сари он овардаам, тасаллӣ хоҳед ёфт+.
[23] Ва онҳо шуморо тасаллӣ хоҳанд дод, зеро ки рафтор ва кирдори
онҳоро хоҳед дид; ва хоҳед донист, ки ҳар он чи Ман дар он кардаам,
беҳуда накардаам, мегӯяд Худованд Худо».

## Рӯъё дар бораи токе ки дар оташ андохта шуд.

15
[1] Ва каломи Худованд бар ман нозил шуда, гуфт:
[2] «Эй писари одам! Дарахти ток аз ҳар дарахт чӣ бартарӣ
дорад, ва навдаи он, ки дар миёни дарахтони ҷангал бошад+?
[3] Оё чӯбе аз он барои кардани коре гирифта мешавад? Оё мехе аз
он мегиранд, то ки чизе бар он биовезанд?
[4] Инак, онро барои сӯзонидан дар оташ меандозанд, ва оташ ду
нӯгашро месӯзонад, ва миёнаи он нимсӯз мешавад; оё он барои коре
боб аст?
[5] Инак, вақте ки он том буд, барои коре боб набуд, алалхусус баъд
аз он ки оташ онро сӯзонидааст, ва он нимсӯз шудааст, оё он барои
коре боб аст?
[6] Бинобар ин Худованд Худо чунин мегӯяд: чунон ки дарахти
токро дар миёни дарахтони ҷангал Ман барои сӯзонидан ба оташ
гирифтор кардаам, ончунон сокинони Ерусалимро гирифтор хоҳам
кард+.
[7] Ва рӯи Худро ба зидди онҳо хоҳам нигаронид: онҳо аз як оташ
берун омадаанд, вале оташи дигар онҳоро хоҳад сӯзонид. Ва чун рӯи
Худро ба зидди онҳо нигаронам, хоҳед донист, ки Ман Худованд
ҳастам.
[8] Ва ба сабаби хиёнате ки онҳо кардаанд, Ман ин заминро
харобазор хоҳам сохт, мегӯяд Худованд Худо».

## Дар бораи қабоҳатҳо дар Ерусалим.

16
1 Ва каломи Худованд бар ман нозил шуда, гуфт:
2 «Эй писари одам! Ерусалимро аз корҳои зишташ огоҳ
намо,+
3 Ва бигӯй: Худованд Худо ба Ерусалим чунин мегӯяд: насаб ва
зодгоҳи ту аз замини Канъон аст; падарат амӯрӣ ва модарат ҳиттӣ
буд+.
4 Ва таваллуди ту чунин аст: дар рӯзе ки зоида шудӣ, нофатро
набуриданд, ва туро дар об барои татҳир ғусл надоданд, ва намакоб
намолиданд, ва парпеч накарданд.
5 Чашме бар ту нигоҳубин накард, то ки ба ту дилсӯзӣ намуда, яке
аз ин корҳоро барои ту ба ҷо оварад; балки дар рӯзе ки ту зоида
шудӣ, аз ҳаёти ту нафрат карда, туро бар рӯи саҳро партофтанд.
6 Ва Ман аз пешат гузар карда, туро дар хунҳоят ҷӯлида дидам, ва
ба ту гуфтам: „Дар хунҳоят зинда бимон!“ Ва ба ту гуфтам: „Дар
хунҳоят зинда бимон!“+
7 Ва туро мисли набототи саҳро бағоят афзун кардам, ва ту нумӯ
ёфта, калон шудӣ ва ба камоли ҳусну адо расидӣ: пистонҳоят баланд
ва мӯйҳоят дароз шуд, вале ҳанӯз бараҳна ва урьён будӣ.
8 Ва Ман аз пешат гузар карда, туро дидам, ва инак, замони ту
замони муҳаббат буд, ва Ман сояи Худро бар ту паҳн кардам, ва
урьёнии туро пӯшонидам, ва ба ту қасам хӯрдам, ва бо ту аҳд бастам,
мегӯяд Худованд Худо, ва ту аз они Ман шудӣ+.
9 Ва туро дар об ғусл додам, ва хунҳоятро аз баданат шустам, ва
туро бо равған тадҳин намудам.
10 Ва туро пероҳани гулдӯзӣ, ва кафши чармин, ва рӯймоли катони
нозук, ва ҷомаи абрешимин пӯшонидам.
11 Ва туро бо асбоби зинат оро дода, дастпонаҳо бар дастҳоят ва
тавқ бар гарданат наҳодам.
12 Ва ҳалқа бар биният, ва гӯшвораҳо бар гӯшҳоят, ва афсари ҷалол
бар сарат гузоштам+.
13 Ва ту бо тилло ва нуқра зинат ёфтӣ, ва либосат аз катони нозук
ва абрешим ва матои гулдӯзӣ иборат буд; орди маҳин ва асал ва
равған мехӯрдӣ, ва ҳусну адоят ниҳоятдараҷа афзуда, ту сазовори
шавкати подшоҳӣ гардидӣ+.

14 Ва номи ту ба сабаби ҳуснат дар миёни халқҳо шӯҳрат ёфт, зеро
ки он ба хотири шавкате ки Ман ба ту бахшида будам, комил гардид,
мегӯяд Худованд Худо.
15 Валекин ту бар ҳусни худ таваккал намудӣ, ва аз номи худ
истифода бурда, зино кардӣ, ва зинои худро бар ҳар роҳгузаре фурӯ
рехтӣ, ва ҳуснат аз они вай шуд+.
16 Ва аз либосҳои худ гирифта, барои худ баландиҳои рангин
сохтӣ, ва бар онҳо зино кардӣ, ки чунин ҳодиса ҳаргиз рӯй надодааст
ва набояд рӯй диҳад.
17 Ва асбоби зинати худро аз тилло ва нуқраи Ман, ки ба ту дода
будам, гирифта, бутҳои нарина барои худ сохтӣ, ва бо онҳо зино
кардӣ+.
18 Ва либосҳои гулдӯзии худро гирифта, бар он бутҳо пӯшондӣ, ва
равған ва бухури Маро пеши онҳо гузоштӣ.
19 Ва нони Маро, ки ба ту дода будам, орди маҳин ва равған ва
асалеро, ки хӯроки ту гардонида будам, ту пеши онҳо ҳамчун
хушбӯии дилпазире гузоштӣ, ва чунин шуд, мегӯяд Худованд Худо+.
20 Ва писарону духтаронатро, ки барои Ман зоида будӣ, гирифта,
ба сифати хӯроки бутҳо забҳ кардӣ. Оё зинокории ту кам буд,
21 Ки писарони Маро кушта, ба онҳо додӣ, ба тавре ки барояшон
онҳоро аз оташ гузарондӣ+.
22 Ва дар тамоми аъмоли зишт ва зинокории худ ту айёми
ҷавонии худро ба ёд наовардӣ, ки он вақт бараҳна ва урьён буда, дар
хунҳоят ҷӯлида мехобидӣ.
23 Ва Худованд Худо мегӯяд: эй вой бар ту, вой бар ту, ки баъд аз
ҳамаи бадкирдориҳои худ
24 Ту теппаҳо барои худ сохтӣ, ва баландиҳо дар ҳар майдон барои
худ барпо кардӣ.
25 Дар сари ҳар роҳ баландиҳои худро сохта, ҳусни худро нангин
кардӣ, ва барои ҳар роҳгузаре пойҳои худро кушода, зиноҳоятро
афзун намудӣ+.
26 Ва бо ҳамсоягони худ — писарони Миср, ки узви бузург доранд,
зино кардӣ, ва зинокории худро афзуда, хашми Маро ба ҷӯш овардӣ+.
27 Ва инак Ман дасти Худро бар ту ёзонида, насибаатро кам
кардам, ва туро ба иштиёқи бадхоҳонат — духтарони фалиштӣ, ки аз
рафтори фоҳишонаи ту шарм доштанд, супурдам.

[28] Ва азбаски сер нашудӣ, бо писарони Ашшур зино кардӣ; вале бо
онҳо низ зино карда, сер нашудӣ+.
[29] Ва зинокории худро то замини тоҷирон, яъне калдониён, афзун
кардӣ, вале бо ин низ сер нашудӣ+.
[30] Дили ту чӣ қадар бемаҷол шуда бошад — мегӯяд Худованд Худо,
— ки тамоми ин аъмолро, ки аъмоли зани фоҳишаи худсар аст, ба ҷо
овардаӣ!
[31] Вақте ки ту теппаҳои худро дар сари ҳар роҳ сохтӣ, ва
баландиҳои худро дар ҳар майдон барпо кардӣ, мисли фоҳишаҳои
дигар набудӣ, чунки музди зиноятро тамасхур менамудӣ,
[32] Балки зани зинокоре будӣ, ки ба ҷои шавҳари худ бегонаҳоро
мепазирад+.
[33] Ба ҳамаи фоҳишагон музди зино медиҳанд, валекин ту ба ҳамаи
ошиқонат музди зиноятро медодӣ, ва онҳоро бо ришва мехаридӣ, то
ки аз ҳар тараф назди ту барои зинокорихоят биёянд+.
[34] Ва рафтори ту дар зинокорият бар акси занони дигар буд: касе
толиби зинои ту набуд, аз ин рӯ ту музди зино медодӣ, вале касе ба
ту музди зино намедод, ва рафторат ҳамин тавр бар акси дигарон
буд.
[35] Бинобар ин, эй фоҳиша, каломи Худовандро бишнав!
[36] Худованд Худо чунин мегӯяд: аз барои он ки аврати ту кушода
шуд, ва урьёнии ту дар зинокориҳоят пеши ошиқони ту ва пеши
ҳамаи бутҳои қабеҳи ту ошкор гардид, ва аз барои хуни писаронат,
ки ба онҳо додӣ, —
[37] Аз барои ҳамин, инак Ман ҳамаи ошиқонатро, ки бо онҳо кайфу
сафо мекардӣ, ва ҳамаи онҳоеро, ки дӯст медоштӣ, бо ҳамаи онҳое ки
бад медидӣ, ҷамъ хоҳам кард; ва онҳоро аз ҳар тараф ба муқобили ту
ҷамъ карда, урьёнии туро пеши онҳо ошкор хоҳам кард, то ки онҳо
урьёнии туро бубинанд+.
[38] Ва бар ту чун бар заноне ки зино мекунанд ва хун мерезанд,
доварӣ хоҳам намуд, ва хунатро бо ғазаб ва рашк хоҳам рехт+.
[39] Ва туро ба дасти ошиқонат хоҳам супурд, ва онҳо теппаҳоятро
вайрон ва баландиҳоятро хароб хоҳанд кард, ва либосҳоятро аз ту
хоҳанд кашид, ва асбоби зебу зинататро хоҳанд гирифт, ва туро
бараҳна ва урьён хоҳанд гузошт+.

[40] Ва издиҳомеро ба зидди ту бархезонида, бо сангҳо туро сангсор
хоҳанд намуд, ва бо шамшерҳои худ туро пора-пора хоҳанд кард+.
[41] Ва хонаҳоятро ба оташ хоҳанд сӯзонид, ва дар пеши назари
занони бисьёр бар ту доварӣ хоҳанд кард, ва Ман ба зинокории ту
хотима хоҳам дод, ва ту дигар музди зино нахоҳӣ дод+.
[42] Ва хашми Худро бар ту фурӯ хоҳам нишонид, ва рашки Ман аз ту
хоҳад баргашт, ва Ман ором шуда, дигар ғазаб нахоҳам кард+.
[43] Аз барои он ки айёми ҷавонии худро ба ёд наовардӣ, ва Маро бо
ҳамаи ин хашмгин кардӣ, инак Ман низ подоши рафторатро бар
сарат овардам, мегӯяд Худованд Худо. Оё ту ин фисқу фуҷурро ба
замми ҳамаи корҳои зишти худ ба амал наовардӣ?
[44] Инак, ҳар кӣ масал мезанад, дар ҳаққи ту масал зада, хоҳад
гуфт: „Духтар чӣ гуна аст, модар намуна аст“+.
[45] Ту духтари модари худ ҳастӣ, ки вай аз шавҳар ва писаронаш
нафрат дошт; ва ту хоҳари хоҳарони худ ҳастӣ, ки онҳо аз шавҳарон
ва писарони худ нафрат доштанд. Модари шумо ҳиттӣ буд, ва падари
шумо — амӯрӣ+.
[46] Ва хоҳари калонии ту Сомария аст, ки бо духтаронаш дар
шимоли ту сукунат дорад; ва хоҳари хурдии ту, ки дар ҷануби ту
сокин аст, Садӯм бо духтаронаш мебошад+.
[47] Оё ту бо роҳҳои онҳо нарафтӣ ва мисли корҳои зишти онҳо
амал накардӣ? Ин ба назари ту кам буд, ки дар тамоми рафтори худ
аз онҳо зиёдтар ба фисқу фуҷур дода шудӣ+.
[48] Ба ҳаёти Худам қасам ки, мегӯяд Худованд Худо, хоҳарат Садӯм,
худаш ва духтаронаш, он корҳоро накардаанд, ки ту ва духтаронат
кардаед+.
[49] Инак, гуноҳи хоҳарат Садӯм аз ин иборат буд: кибриё,
фаровонии нон ва фароғати комил барои вай ва духтаронаш буд,
вале мискину бенаворо вай дастгирӣ накард+.
[50] Ва онҳо гирифтори ғурур гардида, пеши Ман корҳои зишт
карданд, ва инро дида, онҳоро маҳв намудам+.
[51] Ва Сомария нисфи гуноҳҳои туро содир нанамудааст, ва ту
корҳои зишти худро аз онҳо зиёд кардӣ, ва бо ҳамаи корҳои зишти
худ, ки ба амал овардӣ, хоҳаронатро сафед намудӣ+.
[52] Пас ту низ, ки хоҳаронатро маҳкум менамудӣ, бори нанги худро
бардор; назар ба гуноҳҳои ту, ки аз онҳо зиёдтар корҳои зишт кардӣ,

онҳо аз ту сафедтар мебошанд; пас ту низ, ки хоҳаронатро сафед
намудӣ, хиҷил шав ва бори нанги худро бардор.
53 Ва Ман асорати онҳоро: асорати Садӯм ва духтаронаш, ва
асорати Сомария ва духтаронаш, ва дар миёни онҳо асорати асирони
туро хоҳам баргардонид,+
54 То ки ту бори нанги худро бардорӣ, ва аз ҳар чи кардаӣ, нангин
шавӣ, чунки онҳоро тасаллӣ додаӣ.
55 Ва хоҳаронат: Садӯм ва духтаронаш ба вазъияти пештараи худ
хоҳанд баргашт; ва Сомария ва духтаронаш ба вазъияти пештараи
худ хоҳанд баргашт; ва ту ва духтаронат ба вазъияти пештараи худ
хоҳед баргашт.
56 Оё хоҳарат Садӯм дар айёми кибриёи ту вирди забони ту набуд,
57 Пеш аз он ки шарорати ту ошкор гардид, мисли он замоне ки
духтарони Арам ва тамоми гирду атрофи он туро мазаммат
мекарданд, ва духтарони фалиштиён, ки аз ҳар ҷониб аз ту нафрат
доштанд?
58 Пас ҷазои фисқу фуҷур ва корҳои зишти худро ту акнун хоҳӣ
кашид, мегӯяд Худованд.
59 Зеро ки Худованд Худо чунин мегӯяд: Ман бо ту random
хоҳам кард, ки ту амал кардаӣ, яъне савгандро хор даниста, аҳдро
шикастаӣ.
60 Валекин Ман аҳди Худро, ки дар айёми ҷавоният бо ту бастаам,
ба ёд хоҳам овард, ва аҳди ҷовидоние бо ту аз нав барқарор хоҳам
кард+.
61 Ва ту рафтори худро ба ёд оварда, хиҷил хоҳӣ шуд, вақте ки
хоҳарони калонӣ ва хурдии худро қабул намоӣ, ва Ман онҳоро ба ту
ҳамчун духтарон бидиҳам, вале на бар тибқи аҳди ту,+
62 Балки Ман аҳди Худро бо ту аз нав барқарор хоҳам кард, ва ту
хоҳӣ донист, ки Ман Худованд ҳастам,+
63 То ки ту ба ёд оварда, хиҷил шавӣ, ва минбаъд ба сабаби нанги
худ даҳонатро накушоӣ, вақте ки Ман ҳар чиро, ки ту кардаӣ, ба ту
биомурзам, мегӯяд Худованд Худо».

## Масал дар бораи уқоби бузург.

17 [1] Ва каломи Худованд бар ман нозил шуда, гуфт:
[2] «Эй писари одам! Муаммое бигӯй ва масале дар бораи
хонадони Исроил бизан,
[3] „Ва бигӯй: Худованд Худо чунин мегӯяд: уқоби бузург, ки
болҳояш калон, дарозустухон ва пур аз парҳои рангин буд, ба Лубнон
омад ва сари арзро гирифт+.
[4] Сари навдаҳои онро канда, ба замини тоҷирон овард, онро дар
шаҳри савдогарон гузошт.
[5] Ва аз тухми он замин гирифта, онро дар мазрааи бороваре кошт,
назди обҳои фаровон ҷойгир кард, чунон ки дарахти бедро
мешинонанд+.
[6] Ва он нумӯ ёфта, токи васеи пастқомате шуд, ки навдаҳояш сӯи
вай моил буд, ва решаҳояш дар зери вай буд, ва он ба токе мубаддал
гардида, шохаҳо расонид ва навдаҳо дод+.
[7] Ва уқоби бузурги дигаре буд, ки болҳои калон ва парҳои бисьёр
дошт; ва инак, ин ток решаҳояшро бар вай печонид, ва навдаҳояшро
аз ҷӯякҳое ки дар онҳо ҷойгир шуда буд, сӯи вай равона кард, то ки
вай онро об диҳад.
[8] Он дар мазрааи хубе, назди обҳои фаровон шинонида шуда буд,
то ки шохаҳо расонида, мева диҳад ва токи боҳашамате гардад.
[9] Бигӯй: Худованд Худо чунин мегӯяд: оё он муваффақият хоҳад
ёфт? Вай, охир, решаҳои онро хоҳад барканд, ва меваи онро пора-
пора ва хушк хоҳад кард; ҳамаи баргҳои тару тозаи он хушк хоҳад
шуд; ва он бе қуввати бузурге ва мардуми зиёде решакан карда хоҳад
шуд.
[10] Ва инак, агарчи он шинонида шуда бошад, оё муваффақият
хоҳад ёфт? Охир, ҳамин ки боди шарқӣ ба он бирасад, он тамоман
хушк хоҳад шуд, дар ҷӯякҳои нумӯи худ хоҳад хушкид“»+.

## Муроҷиат ба хонадони исьёнгар.

[11] Ва каломи Худованд бар ман нозил шуда, гуфт:
[12] «Ба хонадони исьёнгар бигӯй: „оё намедонед, ки инҳо чӣ маънӣ
дорад? Бигӯй: инак подшоҳи Бобил ба Ерусалим омад, ва подшоҳи он
ва сарварони онро гирифт, ва онҳоро назди худ ба Бобил овард+.

[13] Ва аз насли подшоҳ гирифт, ва бо ӯ аҳд баст, ва ӯро қасам дод, ва
зӯроварони заминро гирифта бурд,+
[14] То ки мамлакат сарпаст гардида, қомат баланд накунад, ва аҳди
варо риоя намуда, дар он устувор бошад.
[15] Валекин ӯ ба зидди вай исьён карда, қосидони худро ба Миср
фиристод, то ки ба ӯ аспон ва мардуми зиёде бидиҳанд. Оё ӯ
муваффақият хоҳад ёфт? Оё касе ки ин корҳоро кардааст, метавонад
ҷон ба саломат барад? Ва оё касе ки аҳдро поймол намудааст,
метавонад ҷон ба саломат барад+?
[16] Ба ҳаёти Худам қасам ки, мегӯяд Худованд Худо, ӯ дар макони
ҳамон подшоҳе ки ӯро подшоҳ таъин кардааст, ва ӯ қасами варо хор
дида, аҳди варо поймол намудааст, назди вай андаруни Бобил хоҳад
мурд+.
[17] Ва фиръавн ӯро дар ҷанг бо қуввати бузурге ва мардуми зиёде
дастгирӣ нахоҳад кард, вақте ки хокрез барпо намоянд ва
истеҳкомот бисозанд, то ки ҷонҳои бисьёрро несту нобуд кунанд+.
[18] Ва ӯ қасамро хор дид, то ки аҳдро поймол намояд; ва инак,
агарчи дасти байат дода буд, ҳамаи ин корҳоро кард, пас ҷон ба
саломат нахоҳад бурд.
[19] Бинобар ин Худованд Худо чунин мегӯяд: ба ҳаёти Худам қасам
ки савганди Маро, ки ӯ хор дид, ва аҳди Маро, ки ӯ поймол намуд,
Ман бар сари ӯ хоҳам овард.
[20] Ва доми Худро бар ӯ хоҳам афканд, ва ӯ дар тӯри Ман хоҳад
афтод; ва Ман ӯро ба Бобил хоҳам овард, ва дар он ҷо барои хиёнате
ки дар ҳаққи Ман кард, бар ӯ доварӣ хоҳам намуд+.
[21] Ва ҳамаи гурезаҳои ӯ дар ҳамаи фавҷҳояш аз шамшер хоҳанд
афтод, ва боқимондагон ба сӯи ҳар бод пароканда хоҳанд шуд; ва
хоҳед донист, ки Ман, ки Худованд ҳастам, гуфтам“+.
[22] Худованд Худо чунин мегӯяд: „Ва Ман навдае аз сари арзи
баланд гирифта, онро хоҳам шинонид: аз миёни шохаҳои сари он
Ман навдаи тару тозае хоҳам барканд, ва онро бар кӯҳи баланди
ростбаромадае хоҳам шинонид.
[23] Бар кӯҳи сарбаланди Исроил онро хоҳам шинонид, ва он,
шохаҳо расонида, мева хоҳад дод, ва арзи боҳашамате хоҳад шуд, ва
ҳар навъ мурғон, ҳар гуна болдорон дар таги он сокин хоҳанд шуд,
дар сояи навдаҳояш лона хоҳанд сохт+.

24 Ва ҳамаи дарахтони саҳро хоҳанд донист, ки Ман, ки Худованд ҳастам, дарахти баландро паст мекунам, дарахти пастро баланд месозам, дарахти сабзро мехушконам, ва дарахти хушкро сабзу хуррам мегардонам. Ман, ки Худованд ҳастам, гуфтам ва ба амал хоҳам овард“»+.

## Дастурҳои гуногун ба Исроиле ки ба асирӣ рафтааст.

18 1 •Ва каломи Худованд бар ман нозил шуда, гуфт:
2 «Чаро шумо ин масалро дар замини Исроил зада, мегӯед:
„Падарон ғӯра хӯрдаанд,
вале дандонҳои писарон кунд шудааст“+?
3 Ба ҳаёти Худам қасам ки, мегӯяд Худованд Худо, минбаъд
шуморо касе нахоҳад буд, ки ин масалро дар Исроил ба забон
оварад+.
4 Инак ҳамаи ҷонҳо аз они Ман аст; хоҳ ҷони падар ва хоҳ ҷони
писар аз они Ман аст; ҷоне ки гуноҳ карда бошад, хоҳад мурд+.
5 Ва касе агар одил бошад ва адлу инсофро ба амал оварад:
6 Бар кӯҳҳо нахӯрад, ва чашмонашро сӯи бутҳои хонадони Исроил
баланд накунад, ва зани ёри худро палид насозад, ва ба зани ҳоиза
наздикӣ нанамояд,+
7 Ва ҳеҷ касро ба танг наоварад, ба қарздор гарави варо
баргардонад, ғорат накунад, нони худро ба гуруснае бидиҳад ва
бараҳнаро либосе бипӯшонад,+
8 Пулашро ба фоида надиҳад ва суд нагирад, аз ноинсофӣ даст
кашад, дар миёни одамон доварии ҳақиқиро ба ҷо оварад,+
9 Бар тибқи фароизи Ман рафтор кунад ва дастурҳои Маро нигоҳ
дошта, дар роҳи ростӣ амал намояд, чунин кас одил аст, ва ҳатман
зинда хоҳад монд, мегӯяд Худованд Худо+.
10 Аммо агар ӯ писари ҷафокор ва хунрезе ба дуньё оварда бошад,
ки вай яке аз ин корҳои бадро бикунад,
11 Вале ҳамаи ин корҳои некро накунад, балки бар кӯҳҳо низ
бихӯрад, ва зани ёри худро палид созад,
12 Мискин ва бенаворо фиреб диҳад, ғорат намояд, гараврo
барнагардонад, ва чашмонашро сӯи бутҳо баланд кунад, корҳои
зиштро ба ҷо оварад,
13 Пулашро ба фоида диҳад ва суд гирад, оё вай зинда хоҳад монд?
Вай зинда нахоҳад монд! Модоме ки вай ҳамаи ин корҳои зиштро ба
ҷо овардааст, албатта хоҳад мурд, хунаш бар гарданаш хоҳад буд+.
14 Ва агар ӯ писаре ба дуньё оварда бошад, ки вай ҳамаи
гуноҳҳоеро, ки падараш ба амал меоварад, дидааст, ва онҳоро дида,

мисли онҳо амал накунад:

15 Бар кӯҳҳо наҳӯрад, ва чашмонашро сӯи бутҳои хонадони Исроил баланд накунад, зани ёрашро палид насозад,

16 Ва касеро фиреб надиҳад, гарав нагирад, ғорат накунад, нони худро ба гуруснае бидиҳад ва бараҳнаро либосе бипӯшонад,

17 Ба мискин дасти тааддӣ дароз накунад, фоида ва суд нагирад, дастурҳои Маро ба ҷо оварад ва бар тибқи фароизи Ман рафтор намояд, вай барои гуноҳи падараш нахоҳад мурд, балки ҳатман зинда хоҳад монд.

18 Падари вай, азбаски бо истисмор машғул буд, бародарашро ғорат менамуд, ва андаруни қавми худ корҳои бад мекард, инак ӯ ба гуноҳи худ хоҳад мурд.

19 Вале шумо мегӯед: „Чаро писар гуноҳи падарро намебардорад?“ Чунки писар адлу инсофро ба амал овардааст, тамоми фароизи Маро риоя намудааст, ва онҳоро ба ҷо меоварад, — вай ҳатман зинда хоҳад монд+.

20 Ҷоне ки гуноҳ карда бошад, хоҳад мурд: писар бори гуноҳи падарро нахоҳад бардошт, ва падар бори гуноҳи писарро нахоҳад бардошт; адолати одил бар худаш хоҳад буд, ва шарорати шарир бар худаш хоҳад буд+.

21 Ва агар шарир аз ҳамаи гуноҳҳое ки ба амал овардааст, тавба кунад, ва тамоми фароизи Маро риоя намояд ва адлу инсофро ба амал оварад, ҳатман зинда хоҳад монд, ӯ нахоҳад мурд.

22 Ҳамаи ҷиноятҳое ки ӯ ба амал овардааст, дар ҳаққи ӯ ба ёд оварда нахоҳад шуд; ӯ бо адолате ки ба амал овардааст, зинда хоҳад монд.

23 Оё Ман мавти шарирро хоҳонам? — мегӯяд Худованд Худо. — Балки онро хоҳонам, ки ӯ аз рафтори худ тавба карда, зинда монад+.

24 Ва агар одиле аз адолати худ даст кашида, ноинсофӣ кунад, яъне мисли ҳамаи корҳои зиште ки шарир мекунад, амал намояд, оё ӯ зинда хоҳад монд? Тамоми аъмоли одилонае ки ӯ ба ҷо овардааст, ба ёд оварда нахоҳад шуд; ӯ дар хиёнати худ, ки ба амал овардааст, ва дар гуноҳи худ, ки кардааст, хоҳад мурд+.

25 Вале шумо мегӯед: „Роҳи Худованд боинсоф нест!“ Лутфан, эй хонадони Исроил, бишнавед! Оё роҳи Ман боинсоф нест? Роҳҳои шумо, охир, боинсоф нест.

[26] Агар одил аз адолати худ даст кашида, ноинсофӣ кунад, аз
боиси он хоҳад мурд; ӯ аз боиси ноинсофие ки кардааст, хоҳад мурд.
[27] Ва агар шарир аз шароратe ки ба амал овардааст, тавба кунад, ва
адлу инсофро ба ҷо оварад, ӯ ҷони худро зинда нигоҳ хоҳад дошт.
[28] Ӯ, ки назар андохта, аз ҳамаи ҷиноятҳои худ, ки ба амал оварда
буд, тавба кардааст, ҳатман зинда хоҳад монд, ӯ нахоҳад мурд.
[29] Вале хонадони Исроил мегӯянд: „Роҳи Худованд боинсоф нест!“
Оё роҳҳои Ман боинсоф нест, эй хонадони Исроил? Роҳҳои шумо,
охир, боинсоф нест!
[30] Бинобар ин Ман ҳар яке аз шуморо, эй хонадони Исроил, бар
тибқи роҳҳояш доварӣ хоҳам намуд, мегӯяд Худованд Худо; тавба
карда, аз ҳамаи ҷиноятҳои худ даст кашед, то ки ин барои шумо
васвасаи гуноҳ нашавад+.
[31] Ҳамаи ҷиноятҳои худро, ки ба амал овардаед, аз худ дур
андозед, ва дили тоза ва рӯҳи тозае барои худ ба вуҷуд оваред; ва
чаро шумо, эй хонадони Исроил, бимиред+?
[32] Зеро ки Ман мавти шахси мирандаро хоҳон нестам, мегӯяд
Худованд Худо; тавба кунед, ва зинда хоҳед монд!»

## Андӯҳ дар бораи сарварони Исроил.

**19** [1] Ва ту дар ҳаққи раисони Исроил навҳа намо, ва бигӯй:
[2] «Модарат чӣ модашере буд!
Дар миёни шерон мехобид,
андаруни шерони ҷавон бачаҳояшро мепарварид+.
[3] Ва яке аз бачаҳояшро калон кард,
ки вай шери ҷавон шуд,
ва даридани нахҷирро ёд гирифт;
одамонро мехӯрд.
[4] Ва халқҳо овозаи варо шуниданд;
вай дар чоҳи онҳо афтод;
ва дар бинияш ҳалқа зада,
варо ба замини Миср бурданд+.
[5] Ва модараш, ки дар интизор буд,
чун дид, ки умедаш барбод рафт,
як бачаи дигарашро гирифта,
онро шери ҷавон гардонид+.
[6] Ва он андаруни шерон мегашт,
шери ҷавоне шуд,
ва даридани нахҷирро ёд гирифт;
одамонро мехӯрд.
[7] Ва қасрҳои онҳоро хароб,
ва шаҳрҳошонро вайрон мекард;
ва замин ва ҳар чи дар он буд,
аз овози наъраи он валангор гардид.
[8] Ва халқҳо аз кишварҳои
гирду атроф ба вай ҳуҷум карданд,
ва тӯри худро бар вай партофтанд:
вай дар чоҳи онҳо дастгир шуд;+
[9] Ва дар бинияш ҳалқа зада,
онро дар қафас ҷойгир карданд,
ва онро назди подшоҳи Бобил бурданд;
онро дар тӯр андохта бурданд,
то ки овозаш дигар бар кӯҳҳои Исроил шунида нашавад.
[10] Модарат, ту барин,

мисли ток назди обҳо шинонида шуда буд,
аз обҳои фаровон сермева ва сершоха буд;+
11 Ва шохаҳои бақуввват барои чӯбдастҳои султонон дошт,
ва қадаш дар миёни навдаҳои пурбарг бағоят баланд шуд,
бо баландии худ ва бо шохаҳои бисьёри худ ба назар намоён буд.
12 Вале бо ғазаб решакан карда бар замин андохта шуд,
ва боди шарқӣ онро хушконид;
шохаҳои бақуввати он шикаста, хушк шуд,
ва оташ онҳоро сӯзонид+.
13 Ва алҳол он дар биёбон,
дар замини хушк ва ташна шинонида шудааст.
14 Ва аз танаи навдаҳояш оташ берун омада,
меваи онро сӯзонид, ва як шохаи бақуввват барои чӯбдасти султон
боқӣ намондааст».
Ин суруди навҳа аст,
ва суруди навҳа хоҳад буд.

## Худованд аз Исроил барои беитоатии вай интиқом гирифт.

20 [1] Ва чунин воқеъ шуд, ки дар соли ҳафтум, дар рӯзи даҳуми
моҳи панҷум, чанд нафар аз пирони Исроил барои талабидани
Худованд омаданд, ва пеши ман нишастанд+.
[2] Ва каломи Худованд бар ман нозил шуда, гуфт:
[3] «Эй писари одам! Бо пирони Исроил сухан ронда, ба онҳо бигӯй:
„Худованд Худо чунин мегӯяд: оё шумо барои талабидани Ман
омадаед? Ба ҳаёти Худам қасам ки талабиши шуморо иҷобат
нахоҳам кард, мегӯяд Худованд Худо“+.
[4] Оё бар онҳо доварӣ хоҳӣ кард, доварӣ хоҳӣ кард, эй писари
одам? Пас аъмоли зишти падарони онҳоро ба онҳо баён намо+.
[5] Ва ба онҳо бигӯй: „Худованд Худо чунин мегӯяд: дар он рӯзе ки
Исроилро баргузидам, ва дасти Худро барои насли хонадони Яъқуб
боло бардоштам*, ва Худро ба онҳо дар замини Миср зоҳир сохтам,
ва дасти Худро барои онҳо боло бардошта, гуфтам: «Ман Худованд
Худои шумо ҳастам!» —+
[6] Дар он рӯз дасти Худро барои онҳо боло бардоштам, ки онҳоро аз
замини Миср ба замине ки барояшон хуш кардаам, берун оварам, ба
замине ки шир ва асал дар он ҷорист, ба замине ки гузини ҳамаи
заминҳост+.
[7] Ва ба онҳо гуфтам: ҳар кадоматон қабоҳатҳои пеши чашмони
худро дур андозед ва бо бутҳои Миср худро палид насозед: Ман
Худованд Худои шумо ҳастам+.
[8] Валекин онҳо ба зидди Ман исьён карданд, ва нахостанд ба Ман
гӯш диҳанд: ҳеҷ кадомашон қабоҳатҳои пеши чашмони худро дур
наандохтанд, ва бутҳои Мисрро тарк накарданд; ва Ман гуфтам, ки
ғазаби Худро бар онҳо фурӯ хоҳам рехт, ва хашми Худро андаруни
замини Миср бар онҳо ба итмом хоҳам расонид.
[9] Вале ба хотири исми Худ амал кардам, то ки он дар пеши назари
халқҳо хор нашавад, — халқҳое ки онҳо дар миёнашон буданд, ва Ман
Худро дар пеши назарашон ба онҳо зоҳир сохтам, то ки онҳоро аз
замини Миср берун оварам+.
[10] Ва Ман онҳоро аз замини Миср берун овардам, ва онҳоро ба
биёбон бурдам,+

11 Ва фароизи Худро ба онҳо додам, ва дастурҳои Худро ба онҳо
эълон намудам, ки ҳар кӣ онҳоро ба ҷо оварад, ба воситаи онҳо зинда
хоҳад монд+.
12 Ва шанбеҳои Худро низ ба онҳо бахшидам, то аломате дар
миёни Ман ва онҳо бошад, ва онҳо бидонанд, ки Ман, ки Худованд
ҳастам, онҳоро тақдис менамоям+.
13 Валекин хонадони Исроил дар биёбон ба зидди Ман исьён
карданд: бар тибқи фароизи Ман рафтор нанамуданд ва аз дастурҳои
Ман, ки ҳар кӣ онҳоро бо ҷо оварад, ба воситаи онҳо зинда хоҳад
монд, нафрат карданд, ва шанбеҳои Маро бағоят хор шумурданд; ва
Ман гуфтам, ки ғазаби Худро бар онҳо фурӯ рехта, онҳоро дар биёбон
маҳв хоҳам кард+.
14 Вале ба хотири исми Худ амал кардам, то ки он дар пеши назари
халқҳо хор нашавад, — халқҳое ки онҳоро дар пеши назарашон берун
овардам.
15 Ва низ дасти Худро барои онҳо дар биёбон боло бардоштам, ки
онҳоро ба замине ки додаам, наоварам, ба замине ки шир ва асал дар
он ҷорист, ба замине ки гузини ҳамаи заминҳост,+
16 Чунки онҳо аз дастурҳои Ман нафрат карданд, ва бар тибқи
фароизи Ман рафтор нанамуданд, ва шанбеҳои Маро хор шумурданд,
зеро ки дили онҳо пайрави бутҳошон буд+.
17 Вале чашми Ман бар онҳо риққат оварда, аз нобуд карданашон
даст кашидам, ва онҳоро дар биёбон маҳв накардам.
18 Ва ба писарони онҳо дар биёбон гуфтам: бар тибқи фароизи
падарони худ рафтор накунед, ва дастурҳои онҳоро нигоҳ надоред,
ва худро бо бутҳои онҳо палид насозед+.
19 «Ман Худованд Худои шумо ҳастам: бар тибқи фароизи Ман
рафтор кунед, ва дастурҳои Маро нигоҳ доред ва онҳоро ба ҷо
оваред;+
20 Ва шанбеҳои Маро тақдис намоед, то ки аломате дар миёни Ман
ва шумо бошад, ва бидонед, ки Ман Худованд Худои шумо ҳастам»+.
21 Вале писарон ба зидди Ман исьён карданд: бар тибқи фароизи
Ман рафтор нанамуданд, ва дастурҳои Маро нигоҳ надоштанд, то ки
онҳоро ба ҷо оваранд, ва ҳол он ки ҳар кӣ онҳоро ба ҷо оварад, ба
воситаи онҳо зинда хоҳад монд; шанбеҳои Маро хор шумурданд; ва

Ман гуфтам, ки ғазаби Худро бар онҳо фурӯ рехта, хашми Худро бар
онҳо дар биёбон ба итмом хоҳам расонид+.
[22] Валекин дасти Худро ақиб кашида, ба хотири исми Худ амал
кардам, то ки он дар пеши назари халқҳо хор нашавад, — халқҳое ки
онҳоро дар пеши назарашон берун овардам.
[23] Ман низ дасти Худро барои онҳо дар биёбон боло бардоштам, ки
онҳоро дар миёни халқҳо пароканда намоям ва онҳоро дар кишварҳо
парешон созам,+
[24] Чунки онҳо дастурхои Маро ба ҷо наоварданд, ва аз фароизи
Ман нафрат карданд, ва шанбеҳои Маро хор шумурданд, ва чашмони
онҳо ба сӯи бутҳои падаронашон нигарон буд.
[25] Ва Ман низ ба онҳо фароизе додам, ки некӯ набуд, ва дастурҳое
ки ба воситаи онҳо наметавонистанд зинда монанд+.
[26] Ва онҳоро вогузоштам, ки ба воситаи ҳадияҳои худашон, яъне ба
воситаи аз оташ гузаронидани ҳар раҳимкушо, палид шаванд, то ки
онҳоро хонавайрон созам, ва онҳо бидонанд, ки Ман Худованд
хастам“+.
[27] Бинобар ин, эй писари одам, бо хонадони Исроил сухан ронда,
ба онҳо бигӯй: „Худованд Худо чунин мегӯяд: боз бо ин Маро
падарони шумо таҳқир намуда, дар ҳаққи Ман хиёнат карданд:
[28] Ҳангоме ки Ман онҳоро ба замине овардам, ки дасти Худро боло
бардошта будам, то онро ба онҳо бидиҳам, онҳо ҳар теппаи баланд ва
ҳар дарахти сершохаро дида, қурбониҳои худро дар он ҷо забҳ
карданд, ва қурбониҳои ғазабангези худро ба он ҷо оварданд, ва атри
гуворои худро дар он ҷо гузоштанд, ва хадияҳои рехтании худро дар
он ҷо рехтанд+.
[29] Ва Ман ба онҳо гуфтам: «ин бома*, ки шумо ба он меравед,
чист?» Ба ин сабаб номи он то имрӯз Бома хонда мешавад“.
[30] Бинобар ин ба хонадони Исроил бигӯй: „Худованд Худо чунин
мегӯяд: дар сурате ки шумо худро бо рафтори падарони худ палид
месозед, ва қабоҳати онҳоро пайравӣ намуда, зино мекунед,
[31] Ва ба воситаи овардани ҳадияҳои худ ва аз оташ гузаронидани
писарони худ шумо худро бо ҳамаи бутҳои худ то имрӯз палид
месозед, оё Ман шуморо, эй хонадони Исроил, иҷобат намоям? Ба

ҳаёти Худам қасам ки, мегӯяд Худованд Худо, шуморо иҷобат нахоҳам намуд+.
[32] Ва он чи дилхоҳи шумост, яъне он чи шумо мегӯед: «Мисли халқҳо ва мисли қабилаҳои кишварҳо гардида, ба чӯбу санг ибодат хоҳем кард», он ҳаргиз иҷро нахоҳад шуд+.

## Дар бораи доварии оянда бар Исроил.

[33] Ба ҳаёти Худам қасам ки, мегӯяд Худованд Худо, бо дасти қавӣ ва бозуи тӯлонӣ ва хашми ҷӯшон бар шумо салтанат хоҳам ронд;+
[34] Ва шуморо аз миёни қавмҳо берун хоҳам овард, ва шуморо аз кишварҳое ки дар онҳо пароканда шудаед, бо дасти қавӣ ва бозуи тӯлонӣ ва хашми ҷӯшон ҷамъ хоҳам кард;+
[35] Ва шуморо ба биёбони қавмҳо хоҳам овард, ва дар он ҷо бар шумо рӯ ба рӯ доварӣ хоҳам кард;+
[36] Чунон ки бар падарони шумо дар биёбони замини Миср доварӣ кардаам, өнчунон бар шумо доварӣ хоҳам кард, мегӯяд Худованд Худо+.
[37] Ва шуморо аз зери чӯбдаст хоҳам гузаронид, ва шуморо ба банди аҳд дохил хоҳам кард.
[38] Ва онҳоеро, ки осӣ шуда, ба зидди Ман ҷиноят кардаанд, аз миёни шумо ҷудо хоҳам намуд; онҳоро аз замини иқоматгоҳашон берун хоҳам овард, вале ба замини Исроил ворид нахоҳанд шуд, ва хоҳед донист, ки Ман Худованд ҳастам+.
[39] Валекин шумо, эй хонадони Исроил, — Худованд Худо чунин мегӯяд, — дар сурате ки ба Ман гӯш намедиҳед, пас ҳар кадоматон назди бутҳои худ рафта, онҳоро ибодат намоед, вале баъд аз ин исми муқаддаси Маро дигар бо ҳадияҳо ва бутҳои худ палид насозед,+
[40] Зеро ки бар кӯҳи муқаддаси Ман, бар кӯҳи баланди Исроил, — мегӯяд Худованд Худо, — тамоми хонадони Исроил, ҳамаи онҳое ки дар замин сокин бошанд, Маро дар он ҷо ибодат хоҳанд кард, ва Ман дар он ҷо ба онҳо таваҷҷӯҳ хоҳам намуд, ва дар он ҷо пешкашҳои шумо ва навбарҳои бахшишҳои шуморо бо ҳар чизе ки тақдис менамоед, хоҳам талабид+.
[41] Ҳангоме ки шуморо аз миёни кавмҳо берун оварам, ва шуморо аз кишварҳое ки дар онҳо пароканда шудаед, ҷамъ кунам, он гоҳ ба

атри гуворои шумо таваҷҷӯҳ хоҳам намуд, ва ба воситаи шумо пеши
назари халқҳо қудсият хоҳам ёфт+.
42 Ва ҳангоме ки шуморо ба замини Исроил биёрам, ба замине ки
дасти Худро боло бардошта будам, то онро ба падарони шумо
бидиҳам, он гоҳ хоҳед донист, ки Ман Худованд ҳастам+.
43 Ва дар он ҷо шумо роҳҳои худ ва тамоми аъмоли худро, ки ба
воситаи онҳо палид шудаед, ба ёд хоҳед овард, ва барои ҳамаи
корҳои баде ки кардаед, аз худатон пеши назари худ нафрат хоҳед
кард+.

## Масал дар бораи ҷангали саҳрои ҷануб.

44 Ва ҳангоме ки Ман бо шумо, эй хонадони Исроил, на бар тибқи
рафтори бадатон ва аъмоли фосиқонаатон, балки ба хотири исми
Худ амал намоям, он гоҳ хоҳед донист, ки Ман Худованд ҳастам,
мегӯяд Худованд Худо“»+.
45 Ва каломи Худованд бар ман нозил шуда, гуфт:
46 «Эй писари одам! Рӯи худро ба самти ҷануб бигардон, ва дар
бораи ҷануб ваъз гӯй, ва дар бораи ҷангали саҳрои ҷануб нубувват
намо,
47 Ва ба ҷангали ҷануб бигӯй: „каломи Худовандро бишнав!
Худованд Худо чунин мегӯяд: инак Ман ба ту оташ мезанам, ва он
ҳар дарахти сабз ва ҳар дарахти хушки туро хоҳад сӯзонид, ва
алангаи сӯзони он хомӯш нахоҳад шуд, ва ҳамаи рӯйҳо аз ҷануб то
шимол аз он хоҳад сӯхт+.
48 Ва тамоми башар хоҳанд дид, ки Ман, ки Худованд ҳастам, ба он
оташ задаам, ва он хомӯш нахоҳад шуд“»+.
49 Ва ман гуфтам: «Ё Худоё Худовандо! Онҳо дар ҳаққи ман
мегӯянд: „Оё ӯ бо масалҳо ҳарф мезанад?“»+

## Шамшери тез ба Яҳудо ва ба банӣ-Аммӯн таҳдид мекунад.

# 21

1 Ва каломи Худованд бар ман нозил шуда, гуфт:
2 «Эй писари одам! Рӯи худро ба самти Ерусалим бигардон,
ва дар бораи хонаҳои муқаддас ваъз гӯй, ва дар бораи замини Исроил
нубувват намо+.
3 Ва ба замини Исроил бигӯй: „Худованд чунин мегӯяд: инак Ман
ба ту рӯ меоварам, ва шамшери Худро аз ғилофаш кашида, одил ва
шарирро аз даруни ту маҳв хоҳам кард+.
4 Азбаски одил ва шарирро аз даруни ту маҳв менамоям,
шамшери Ман бар ҳар башар аз ҷануб то шимол аз гилофаш берун
хоҳад омад,+
5 Ва тамоми башар хоҳанд донист, ки Ман, ки Худованд ҳастам,
шамшери Худро аз ғилофаш баровардам, ва он дигар нахоҳад
баргашт“.
6 Ва ту, эй писари одам, ҳамчун шикастакамар оҳ каш, ва бо талхӣ
пеши назари онҳо оҳ каш.
7 Ва чун ба ту гӯянд: „Аз чӣ сабаб оҳ мекашӣ?“ — бигӯй: „Ба сабаби
овозае ки меояд“, ва он гоҳ ҳар дил обу адо шуда, ҳамаи дастҳо
бемаҷол хоҳад гардид, ва ҳар рӯҳ андӯҳгин шуда, ҳамаи зонуҳо ба
ларзиш хоҳад омад. Инак он меояд ва воқеъ хоҳад шуд, мегӯяд
Худованд Худо»+.
8 Ва каломи Худованд бар ман нозил шуда, гуфт:
9 «Эй писари одам, нубувват намуда, бигӯй:
„Худованд чунин мегӯяд: бигӯй:
шамшер, шамшер тез карда,
сайқал зада шудааст;+
10 Барои қатли беамон тез карда,
барои барқ задан сайқал зада шудааст.
Оё мо шодӣ кунем, ки асои писари Ман аз тамоми дарахт нафрат
мекунад“?
11 Ва Ӯ онро барои сайқал задан дод, то ки онро ба каф гирад; ва он,
яъне шамшер, тез карда ва сайқал зада шудааст, то ки ба дасти қотил
дода шавад.
12 Фарьёд ва навҳа намо, эй писари одам! Зеро ки он бар қавми
Ман, бар ҳамаи сарварони Исроил меояд; онҳо бо кавми Ман

гирифтори шамшер хоҳанд шуд, бинобар ин дасти афсӯс бар рони
худ бизан.
13 Зеро ки имтиҳон аст. Ва чӣ хоҳад буд, агар асои нафраткунанда
низ наояд? — мегӯяд Худованд Худо.
14 Ва ту, эй писари одам, нубувват намо ва каф ба каф бизан; ва
шамшер дуто ва сето мешавад: ин шамшер барои қатли шаҳидони
бисьёр аст, шамшери қатли азим аст, ки андаруни онҳо зада
медарояд.
15 Барои он ки дилҳо обу адо, ва шумораи мақтулон зиёд шавад,
Ман назди ҳар дарвозаи онҳо шамшери дудама хоҳам гузошт, — оҳ,
шамшери барроқе ки барои куштор тез карда шуда бошад!
16 Тез гардида, рӯи худро ба тарафи рост бигардон, ба тарафи чап
рӯй овар! Рухсорат ба кадом тараф нигаронида шудааст?
17 Ва Ман низ каф ба каф хоҳам зад, ва ғазаби Худро сокит хоҳам
кард. Ман, ки Худованд ҳастам, гуфтам».
18 Ва каломи Худованд бар ман нозил шуда, гуфт:
19 «Ва ту, эй писари одам, ду роҳ барои худ тасвир намо, ки аз онҳо
шамшери подшоҳи Бобил бояд бигзарад, — ҳар дуяш аз як сарзамин
берун меояд; ва нақши дастро бикаш; дар сари ҳар роҳ нақши шаҳрро
бикаш.
20 Роҳе тасвир намо, то ки шамшер сӯи Раббаи банӣ-Аммӯн ва сӯи
Яҳудо ва Ерусалими истеҳкомдор биёяд+.
21 Зеро ки подшоҳи Бобил бар дуроҳа, яъне дар сари ду роҳ
истодааст, то ки фол кушояд: тирҳоро ба ҳам зада меомезад, ба бутҳо
савол медиҳад, ба ҷигар нигоҳ мекунад.
22 Дар дасти рости ӯ фоли „Ерусалим“ аст, то ки манҷаниқҳо барпо
намояд, барои куштор даҳон кушояд, дар гулбонг овоз баланд кунад,
манҷаниқҳоро дар рӯ ба рӯи дарвозаҳо барпо намояд, хокрез созад,
истеҳкомот бино кунад+.
23 Аммо ин фол ба назари мардуми Ерусалим, ки барояшон басе
қасам хӯрда буданд, фоли ботил менамояд, вале ӯ гуноҳи онҳоро ба
ёд меоварад, то ки ба дасташ афтанд.
24 Бинобар ин Худованд Худо чунин мегӯяд: азбаски худатон
маъсияти худро ба ёд оварда, ҷиноятҳои худро ошкор кардед, то ки
гуноҳҳои худро дар тамоми аъмоли худ ба назар намоён созед,

азбаски худатон инро ёдоварӣ намудед, бинобар ин ба даст хоҳед
афтод.
25 Ва ту, эй раиси Исроил, ки ба туфайли шарорати худ бадном
шудаӣ, ва ба сабаби авҷ гирифтани маъсияти ту рӯзи сазои ту
расидааст!+
26 Худованд Худо чунин мегӯяд: аммома аз сарат дур карда ва
тоҷат бардошта хоҳад шуд, ин ҳолат дигар давом нахоҳад кард: он чи
паст аст, баланд хоҳад шуд, ва он чи баланд аст, паст хоҳад гардид.
27 Онро харобазор, харобазор хоҳам гардонид, ба дараҷае ки
ҳаргиз воқеъ нашудааст, то вақти омадани он касе ки ҳақ аз они ӯст,
ва Ман онро ба ӯ хоҳам дод.
28 Ва ту, эй писари одам, нубувват намуда, бигӯй: „Худованд Худо
дар бораи банӣ-Аммӯн ва дар бораи нанги онҳо чунин мегӯяд, яъне
бигӯй: шамшер, шамшер барои куштор кашида шудааст, то интиҳои
дараҷа сайқал дода шудааст, то ки барроқ бошад,+
29 Дар сурате ки рӯъёҳои ботил барои ту дидаанд, ва фолҳои
бардурӯғ барои ту задаанд, то ки туро бар гардани шарирони
бадноме бимонанд, ки ба сабаби авҷ гирифтани маъсияташон рӯзи
сазои онҳо расидааст+.
30 Онро ба ғилофаш баргардон! Дар маконе ки офарида шудаӣ, дар
замини зодгоҳи ту бар ту доварӣ хоҳам кард,+
31 Ва хашми Худро бар ту фурӯ хоҳам рехт, оташи ғазаби Худро
бар ту хоҳам дамид, ва туро ба дасти мардуми ваҳшие ки ба куштан
моҳиранд, хоҳам супурд,
32 Ва ту тӯъмаи оташ хоҳӣ шуд, ва хунат андаруни он замин хоҳад
монд, ва зикр нахоҳӣ ёфт, зеро Ман, ки Худованд ҳастам, гуфтам“»+.

## Як-як ном бурдани гуноҳҳои Исроил.

**22** 1 Ва каломи Худованд бар ман нозил шуда, гуфт:
2 «Ва ту, эй писари одам, оё доварӣ хоҳӣ кард, оё бар шаҳри
хунрез доварӣ хоҳӣ кард? Пас тамоми аъмоли зишти онро ба он баён
намо,+
3 Ва бигӯй: „Худованд Худо чунин мегӯяд: эй шаҳре ки андаруни
худ хун мерезӣ, то ки замони сазои ту фаро расад; эй, ки бар худ
бутҳо сохтаӣ, то ки палид гардӣ!
4 Бо хуне ки рехтаӣ, айбдор шудаӣ, ва бо бутҳое ки сохтаӣ, палид
гардидаӣ, ва рӯзҳои худро наздик овардаӣ, ва ба фарҷоми солҳои худ
расидаӣ; бинобар ин туро мавриди нанг пеши халқҳо ва мавриди
тамасхур пеши ҳамаи кишварҳо гардонидаам:+
5 Онҳое ки ба ту наздиканд ва аз ту дуранд, туро тамасхур намуда,
хоҳанд гуфт: «Эй, ки номи худро палид сохтаӣ!», «Эй, ки аз низоъ пур
шудаӣ!»
6 Инак раисони Исроил, ҳар яке алоқадри қуввати худ, андаруни
ту барои хунрезӣ чидду ҷаҳд менамуданд.
7 Падар ва модарро андаруни ту хорӣ медоданд, ғарибро андаруни
ту ба танг меоварданд, ятим ва беваро андаруни ту ба ранҷу озор
дучор мекарданд+.
8 Чизҳои муқаддаси Маро ту хор мешумурдӣ, ва шанбеҳои Маро
поймол менамудӣ+.
9 Бӯҳтонгӯён андаруни ту буданд, то ки хун бирезанд; андаруни ту
бар кӯҳҳо хӯрок мехӯрданд, андаруни ту ба фисқу фуҷур дода
мешуданд+.
10 Аврати падарро андаруни ту ошкор месохтанд, ба номӯси
занони ҳоиза андаруни ту таҷовуз мекарданд+.
11 Яке бо зани ёри худ кори зишт мекард, дигаре келини худро бо
фисқу фуҷур палид месохт, сеюмӣ ба номӯси хоҳари худ, яъне
духтари падари худ, андаруни ту таҷовуз менамуд+.
12 Андаруни ту ришва мехӯрданд, то ки хун бирезанд; ту фоида ва
суд мехӯрдӣ, ва ба моли ёри худ бо ситам тамаъ менамудӣ, вале
Маро фаромӯш кардӣ, мегӯяд Худованд Худо+.
13 Ва инак, Ман дар бораи тамаъкорие ки кардаӣ, ва дар бораи
хуне ки андаруни худат рехтаӣ, кафи Худро мезанам.

[14] Оё дар айёме ки Ман подоши туро бидиҳам, дилат матин ва дастҳоят қавӣ хоҳад буд? Ман, ки Худованд ҳастам, гуфтам ва ба амал хоҳам овард.
[15] Ва туро дар миёни халқҳо пароканда ва дар кишварҳо парешон хоҳам намуд, ва қабоҳати туро аз ту нест хоҳам кард+.
[16] Ва худро ту пеши назари халқҳо нафратангез хоҳӣ кард, ва хоҳӣ донист, ки Ман Худованд ҳастам“».

## Масал дар бораи кӯра.

[17] Ва каломи Худованд бар ман нозил шуда, гуфт:
[18] «Эй писари одам! Хонадони Исроил барои Ман ғаш гардидаанд; ҳамаи инҳо — мис ва қалъагӣ ва оҳан ва қӯрғошим — андаруни кӯра ғашши нуқра шудаанд+.
[19] Бинобар ин Худованд Худо чунин мегӯяд: азбаски ҳамаатон ғаш гардидаед, бинобар ин Ман шуморо андаруни Ерусалим ҷамъ хоҳам кард.
[20] Чунон ки нуқра ва мис ва оҳан ва қӯрғошим ва қалъагиро андаруни кӯра ҷамъ карда, оташ бар онҳо медаманд, то ки гудохта шаванд, ончунон Ман шуморо дар хашму ғазаби худ ҷамъ карда, дар он хоҳам гузошт ва шуморо хоҳам гудохт.
[21] Ва шуморо ҷамъ карда, оташи ғазаби худро бар шумо хоҳам дамид, ва шумо андаруни он гудохта хоҳед шуд.
[22] Чунон ки нуқра андаруни кӯра гудохта мешавад, ончунон шумо андаруни он гудохта хоҳед шуд, ва хоҳед донист, ки Ман, ки Худованд ҳастам, ғазаби Худро бар шумо фурӯ рехтаам».
[23] Ва каломи Худованд бар ман нозил шуда, гуфт:
[24] «Эй писари одам! Ба вай бигӯй: „ту замине ҳастӣ, ки нопок шудаӣ, ва дар рӯзи ғазаб бар ту борон нахоҳад борид+.
[25] Суиқасди анбиёи он андаруни он мисли шери ғурронест, ки нахҷирро медарад; онҳо ҷонҳоро меҳӯранд, молу мулк ва чизҳои гаронбаҳоро мегиранд, бевагонро андаруни он афзун мекунанд+.
[26] Коҳинони он шариати Маро поймол, ва чизҳои муқаддаси Маро палид месозанд, чизи муқаддасро аз ғайримуқаддас ҷудо намекунанд, ва чизи палидро аз пок фарқ наменамоянд, ва аз шанбеҳои Ман чашми худро мепӯшанд, ва Ман андаруни онҳо беҳурмат шудаам+.

[27] Сарварони он андаруни он мисли гургоне мебошанд, ки
нахҷирро медаранд; онҳо хун мерезанд, ҷонҳоро нобуд мекунанд, то
ки ҳирси худро қонеъ гардонанд+.
[28] Ва анбиёи он барои онҳо бо лои нобоб андова карда, рӯъёҳои
ботил мебинанд ва барои онҳо фоли дурӯғ зада, мегӯянд: «Худованд
Худо чунин мегӯяд», ва ҳол он ки Худованд чизе ба онҳо
нагуфтааст+.
[29] Қавми ин замин якдигарро беамон зулм ва тороҷ менамоянд,
мискин ва бенаворо фиреб медиҳанд, ва дар ҳаққи ғариб ноинсофона
ситам мекунанд.
[30] Ва Ман дар миёни онҳо касеро ҷустам, ки деворро таъмир
намояд ва дар рахнаи он ба ҳузури Ман барои ин замин биистад, то
ки онро хароб накунам, валекин чунин касро наёфтам+.
[31] Пас, хашми Худро бар онҳо фурӯ хоҳам рехт, бо оташи ғазаби
Худ онҳоро нест у нобуд хоҳам кард, подоши рафторашонро бар
сарашон хоҳам овард, мегӯяд Худованд Худо“»+.

## Масал дар бораи Оҳола ва Оҳолиба.

23 [1] Ва каломи Худованд бар ман нозил шуда, гуфт:
[2] «Эй писари одам! Ду зан духтарони як модар буданд.
[3] Ва онҳо дар Миср зинокор шуда, дар ҷавонии худ зино карданд;
дар он ҷо синаҳои онҳоро молиш доданд, ва дар он ҷо пистонҳои
бакорати онҳоро фишурданд+.
[4] Ва номҳои онҳо: калонӣ Оҳола ва хоҳараш Оҳолиба буд; ва онҳо
занони Ман буда, писарон ва духтарон зоиданд; ва номҳои онҳо:
Оҳола — Сомария, ва Оҳолиба — Ерусалим буд.
[5] Ва Оҳола зино кард, дар сурате ки ҳанӯз аз они Ман буд; ва ба
хушдорони худ, ба сипоҳиёни Ашшур дил дод, —+
[6] Ба онҳое ки либоси лоҷвард мепӯшиданд; ба волиён ва сардорон,
ки саросар ҷавонони дилпазир, форисони аспсавор буданд;
[7] Ва бо онҳо, ки саросар баргузидагони банӣ-Ашшур буданд, ба
зинокории худ дода шуд, ва бо ҳамаи бутҳои касоне ки ба онҳо дил
дода буд, худро палид сохт.
[8] Вале аз зинокории худ, ки бо мисриён дошт, даст накашид, зеро
ки онҳо бо ӯ дар айёми ҷавонии ӯ хуфтухоб доштанд, ва пистонҳои
бакораташро мефишурданд, ва шаҳавоти худро бар ӯ фурӯ
мерехтанд.
[9] Бинобар ин Ман ӯро ба дасти хушдоронаш, яъне ба дасти банӣ-
Ашшур, ки ба онҳо дил дода буд, супурдам+.
[10] Онҳо аврати ӯро кушоданд, писарон ва духтаронашро
гирифтанд, ва ӯро бо шамшер куштанд, ва номаш барои занон ибрат
шуд, ва ӯро ба ҷазо мустаҳиқ карданд.
[11] Ва хоҳараш Оҳолиба инро дид, ва дар шаҳватпарастии худ аз вай
бештар фосид шуд, ва аз зинокории хоҳараш зиёдтар зино кард+.
[12] Ба банӣ-Ашшур дил дод, — ба волиён ва сардорони сипоҳиён, ки
либоси зебо мепӯшиданд, форисони аспсавор ва саросар ҷавонони
дилпазир буданд+.
[13] Ва дидам, ки ӯ палид гардид: роҳи ҳар дуяшон як буд.
[14] Вале ӯ зинокории худро боз ҳам зиёд кард; ва мардони бар
девор ҳак кардашударо, яъне суратҳои калдониёнро, ки бо ранги
ҷӯша кашида шуда буд, дид,+

15 Ки камарбандҳо бар камарашон ва аммомаҳои дарознӯг бар
сарашон буд, ва ҳамаашон намуди саркардагонро доштанд, —
суратҳои банӣ-Бобил, ки замини калдониён зодгоҳашон буд.
16 Ва ҳамин ки чашмаш ба онҳо афтод, дил дод, ва назди онҳо ба
замини калдониён қосидонашро фиристод.
17 Ва банӣ-Бобил назди ӯ ба ҷогаҳи ишқбозӣ дохил шуда, бо
зинокории худ ӯро палид сохтанд; ва чун аз онҳо палид шуд, ҷони ӯ
аз онҳо нафрат пайдо кард+.
18 Ва азбаски ошкоро ба зинокорӣ дода шуд, ва аврати худро
кушод, ҷони Ман аз ӯ нафрат пайдо кард, чунон ки ҷони Ман аз
хоҳараш нафрат пайдо карда буд.
19 Ва ӯ зинокории худро афзун кард, дар холате ки айёми ҷавонии
худро ба ёд меовард, ки он вақт дар замини Миср ба зино дода шуда
буд+.
20 Ва ҳамчун сурриягон ба онҳо дил дод, ки узви онҳо мисли узви
харои ва нутфарезии онҳо мисли нутфарезии аспон буд.
21 Ва ту фисқу фуҷури айёми ҷавонии худро аз нав оғоз намудӣ, ки
он вақт мисриён пистонҳои туро ба хотири синаҳои ҷавонии ту
мефишурданд».
22 Бинобар ин, эй Оҳолиба, Худованд Худо чунин мегӯяд: «Инак
Ман хушдоронатро, ки ҷонат аз онҳо нафрат пайдо кардааст, ба
зидди ту барангехта, онҳоро аз ҳар тараф бар ту хоҳам овард,+
23 Яъне банӣ-Бобил ва ҳамаи калдониёнро аз қабилаҳои фақуд ва
шуа ва куа, ва тамоми банӣ-Ашшурро ҳамроҳи онҳо, ки ҳамаашон
ҷавонони дилпазир, волиён ва сардорон мебошанд, саросар
саркардагон ва номдорони аспсаворанд+.
24 Ва бо аслиҳа ва аспон ва аробаҳо ва анбӯҳи қавмҳо, бо ҷавшанҳо,
сипарҳо ва хӯдҳо бар ту омада, туро иҳота хоҳанд кард, ва Ман туро
ба доварии онҳо хоҳам супурд, ва онҳо туро мувофиқи аҳкоми худ
доварӣ хоҳанд намуд+.
25 Ва Ман рашки Худро ба зидди ту хоҳам нигаронид, ва ба ту бо
ғазаб амал хоҳанд кард: бинӣ ва гӯшҳоятро хоҳанд бурид, ва бақияи
ту аз шамшер хоҳад афтод; онҳо писарон ва духтарони туро хоҳанд
гирифт, ва бақияи ту ба оташ хоҳад сӯхт.
26 Ва либосҳои туро хоҳанд кашид, ва колои зебу зинати туро
хоҳанд гирифт+.

[27] Ва фисқу фуҷури ту ва зинокории туро, ки аз замини Миср
овардаӣ, аз ту нест хоҳам кард; ва чашмони худро сӯи онҳо баланд
нахоҳӣ кард, ва Мисрро дигар ба ёд нахоҳӣ овард+.
[28] Зеро ки Худованд Худо чунин мегӯяд: инак Ман туро ба дасти
онҳое ки бад мебинӣ, ба дасти касоне ки ҷонат аз онҳо нафрат пайдо
кардааст, хоҳам супурд.
[29] Ва онҳо ба ту бо адоват амал намуда, тамоми молу мулки туро
хоҳанд гирифт, ва туро дар ҳолати бараҳна ва урьён тарк хоҳанд
кард, ва аврати пурзинои ту ва фисқу фуҷури ту ва зинокории ту
кушода хоҳад шуд.
[30] Ин амалҳо ба ту карда хоҳад шуд барои он ки ту бо халқҳо зино
намуда, худро бо бутҳои онҳо палид сохтаӣ+.
[31] Ту бо роҳи хоҳари худ рафтаӣ, ва Ман косаи ӯро ба дасти ту
хоҳам дод+.
[32] Худованд Худо чунин мегӯяд:
Ту косаи амиқу васеи хоҳари худро хоҳӣ нӯшид,
ва мавриди истеҳзо ва тамасхур хоҳӣ гардид,
чунки гунҷоиши он бузург аст.
[33] Аз мастӣ ва андӯҳ пур хоҳӣ шуд:
косаи даҳшат ва харобист,
косаи хоҳарат Сомария!
[34] Ва онро нӯшида, то охир холӣ хоҳӣ кард,
ва шикастапораҳои онро хоҳӣ лесид,
ва синаҳои худро чок хоҳӣ кард,
зеро ки Ман гуфтам, мегӯяд Худованд Худо+.
[35] Бинобар ин Худованд Худо чунин мегӯяд: азбаски ту Маро
фаромӯш кардӣ, ва пушти худро ба тарафи Ман гардондӣ, пас ту низ
подоши фисқу фуҷур ва зинокории худро бардор!»+
[36] Ва Худованд ба ман гуфт: «Эй писари одам! Оё мехоҳӣ бар Оҳола
ва Оҳолиба доварӣ намоӣ? Пас, аъмоли зишташонро ба онҳо баён
намо+.
[37] Зеро ки онҳо зино карданд, ва дастҳошон хунолуд аст, ва бо
бутҳои худ зино карданд, ва писарони худро низ, ки барои Ман зоида
буданд, ба сифати хӯроки бутҳо аз оташ гузарониданд+.
[38] Боз ин корҳоро дар ҳаққи Ман карданд: дар ҳамон рӯз хонаи
муқаддаси Маро палид сохтанд, ва шанбеҳои Маро поймол карданд+.

39 Ва ҳангоме ки писарони худро барои бутҳои худ забҳ карданд, дар ҳамон рӯз ба хонаи муқаддаси Ман омаданд, то ки онро палид созанд; ва инак андаруни хонаи Ман онҳо чунин амал карданд!+

40 Ва ҳатто назди одамоне ки аз дур омада буданд, кас мефиристоданд; назди онҳо қосиде фиристода шуд, ва инак онҳо омаданд, ва ту худро барояшон шустушӯй менамудӣ, сурма ба чашмонат мекашидӣ, ва худро бо колои зебу зинат оро медодӣ,+

41 Ва бар ҷогаҳи боҳамашате менишастӣ, ки суфрае назди он ороста буд, ва бухур ва равғани Маро бар он мегузоштӣ.

42 Ва садои хуше назди он танинандоз буд, ва илова бар одамоне ки аз аҳолии мавзеъҳои гуногун буданд, сабоиён аз биёбон оварда мешуданд, ва дастпонаҳо бар дастҳошон ва тоҷҳои зебо бар сарҳошон мегузоштанд.

43 Ва Ман гуфтам: оё ин зани фарсуда боз бо зинокорӣ машғул хоҳад шуд? Оё хушдоронаш алҳол бо ӯ зино хоҳанд кард? Вале ӯ зинокории худро давом медод.

44 Ва назди ӯ меомаданд; чунон ки назди зани фоҳиша меоянд, ончунон назди ин занони пурфисқу фуҷур, яъне назди Оҳола ва Оҳолиба меомаданд.

45 Ва мардони одил бар онҳо доварӣ хоҳанд кард, чунон ки бар занони зинокор ва хунрез доварӣ мекунанд, зеро ки онҳо зинокоранд, ва дастҳошон хунолуд аст+.

46 Зеро ки Худованд Худо чунин мегӯяд: ҷамоатро ба зидди онҳо барангез, ва онҳоро ба даҳшат ва тороҷ бисупор.

47 Ва ҷамоат онҳоро сангборон хоҳанд кард, ва бо шамшерҳои худ онҳоро пора-пора хоҳанд намуд, ва писарону духтарони онҳоро хоҳанд кушт, ва хонаҳои онҳоро ба оташ хоҳанд сӯзонид+.

48 Ва Ман фисқу фуҷурро аз ин замин барҳам хоҳам дод, ва ҳамаи занон дарси ибрат хоҳанд гирифт, ва мисли шумо ба фисқу фуҷур машғул нахоҳанд шуд+.

49 Ва сазои фисқу фуҷури шуморо бар шумо бор хоҳанд кард, ва шумо барои гуноҳҳои бутпарастии худ ҷазо хоҳед кашид, ва хоҳед донист, ки Ман Худованд Худо ҳастам»+.

## Масал дар бораи деги ҷӯшон.

24 [1] Ва дар соли нӯҳум, дар рӯзи даҳуми моҳи даҳум, каломи
Худованд бар ман нозил шуда, гуфт:
[2] «Эй писари одам! Номи имрӯзро барои худ бинавис, номи ҳамин
рӯзро: маҳз дар ҳамин рӯз подшоҳи Бобил Ерусалимро муҳосира
кардааст+.
[3] Барои хонадони исьёнгар масале бизан, ва ба онҳо бигӯй:
„Худованд Худо чунин мегӯяд:
деге бимон, онро бимон ва об низ дар он бирез+.
[4] Порчаҳои онро, яъне ҳамаи порчаҳои хуби рон
ва китфро дар он ҷамъ намо,
бо устухонҳои беҳтарин онро пур кун.
[5] Гӯсфандони беҳтаринро бигир,
ва устухонҳоро низ дар таги он даргирон;
онро тавре биҷӯшон,
ки устухонҳояш низ андаруни он бипазад.
[6] Бинобар ин Худованд Худо чунин мегӯяд:
вой бар ҳоли шаҳри хунрез!
Вой бар ҳоли деге ки занги он андаруни он мебошад,
ва занги он аз даруни он набаромадааст!
Порчаҳояшро паи ҳам берун овар,
бе он ки бар онҳо қуръа партой+.
[7] Зеро ки хуни вай андаруни вай буд:
онро вай бар сахраи суфтае бимонд,
онро бар замин нарехт,
то ки бо хок пӯшонида шавад+.
[8] Барои он ки ғазабамро барафрӯхта, интиқом гирам,
Ман хуни варо бар сахраи суфта монондам,
то ки пӯшонида нашавад.
[9] Бинобар ин Худованд Худо чунин мегӯяд:
вой бар ҳоли шаҳри хунрез!
Ман низ гулханро бузург хоҳам кард+.
[10] Ҳезуми зиёде оварда ва оташ даргиронида,
гӯштро ҳил-ҳил хоҳам пазонид,
ва ин гӯштобро сахт ҷӯшонида, хоҳам сӯзонид,

ба тавре ки устухонҳо низ сӯхта тамом шавад.
11 Ва онро бар ахгарҳояш холӣ хоҳам гузошт,
то ки тафсида, миси он бисӯзад,
ва палидии он андаруни он гудохта шавад,
ва занги он нест гардад.
12 Зӯрзаниҳоро рад кард,
ва занги бисьёраш аз он берун наомад,
пас занги он дар оташ нест хоҳад шуд+.
13 Дар фисқу фуҷур ту он қадар палид гаштӣ,
ки ҳарчанд Ман туро тоза кардам,
аз палидии худ тоза нашудӣ;
то хашми Худро Ман бар ту ба итмом нарасонам,
ту дигар тоза нахоҳӣ шуд.
14 Ман, ки Худованд ҳастам, гуфтам: ин фаро хоҳад расид, ва Ман
инро ба амал хоҳам овард; ботил нахоҳам кард, ва риққат нахоҳам
овард, ва пушаймон нахоҳам шуд; бар тибқи рафторат ва бар тибқи
аъмолат бар ту доварӣ хоҳам кард, мегӯяд Худованд Худо“»+.
15 Ва каломи Худованд бар ман нозил шуда, гуфт:
16 «Эй писари одам! Инак Ман ҳаловати чашмонатро бо вабое аз ту
хоҳам гирифт, вале ту навҳа ва гирья накун, ва ашки ту бигзор ҷорӣ
нашавад;+
17 Хомӯшона оҳ каш, барои мурдагон мотам нагир: аммомаи
худро бар сарат бипечон, пойафзоли худро ба пойҳоят бипӯш, ва
ришу мӯйлабатро напӯшон, ва нони азодоронро нахӯр»+.
18 Ва бомдодон ман бо қавм сухан рондам, дар сурате ки занам
шомгоҳ вафот карда буд; ва бомдодон он чиро, ки ба ман амр
фармуда шуд, ба ҷо овардам.
19 Ва қавм ба ман гуфтанд: «Шояд ба мо бигӯӣ, ки он чи ту мекунӣ,
барои мо чӣ маънӣ дорад?»+
20 Ва ман ба онҳо гуфтам: «Каломи Худованд бар ман нозил шуда,
гуфт:
21 „Ба хонадони Исроил бигӯй: Худованд Худо чунин мегӯяд: инак
Ман хонаи муқаддаси Худро, ки ҷалоли қуввати шумо, ҳаловати
чашмони шумо ва марҳами ҷони шумост, ба хорӣ таслим хоҳам
намуд, ва писарону духтарони шумо, ки онҳоро дар Яҳудо тарк
кардаед, аз шамшер хоҳанд афтод+.

22 Ва шумоончунон ки ман амал намудаам, амал хоҳед намуд:
ришу мӯйлаби худро нахоҳед пӯшонид, ва нони азодоронро нахоҳед
хӯрд;
23 Ва аммомаи шумо бар саратон, ва пойафзоли шумо бар
пойҳотон хоҳад буд, ва шумо навҳа ва гирья нахоҳед кард, балки ба
сабаби гуноҳҳои худ обу адо гардида, пеши якдигар оҳ хоҳед кашид+.
24 Ва Ҳизқиёл барои шумо аломате хоҳад буд: ҳар коре ки ӯ
кардааст, шумо низ хоҳед кард; ҳангоме ки ин фаро расад, хоҳед
донист, ки Ман Худованд Худо ҳастам“»+.
25 «Ва ту, эй писари одам! Охир, дар он рӯзе ки Ман аз онҳо
истеҳкомашон, шодии шавкаташон, ҳаловати чашмонашон ва
марҳами ҷонашон, яъне писарону духтаронашонро бигирам,
26 Дар он рӯз растагоре назди ту хоҳад омад, то хабаре ба гӯшат
бирасонад;+
27 Дар он рӯз ба ҳузури он растагор даҳонат воз хоҳад шуд, ва ту
сухан хоҳӣ ронд, ва дигар лол нахоҳӣ шуд; ва барои онҳо аломате
хоҳӣ буд, ва хоҳанд донист, ки Ман Худованд ҳастам»+.

## Нубувват дар бораи банӣ-Аммӯн.

25 1 Ва каломи Худованд бар ман нозил шуда, гуфт:
2 «Эй писари одам! Рӯи худро ба тарафи банӣ-Аммӯн
бигардон ва дар ҳаққи онҳо нубувват намо;+
3 Ва ба банӣ-Аммӯн бигӯй: каломи Худованд Худоро бишнавед!
Худованд Худо чунин мегӯяд: азбаски ту дар бораи хонаи муқаддаси
Ман, ҳангоме ки он ба хорӣ дучор шуд, ва дар бораи замини Исроил,
ҳангоме ки он валангор шуд, ва дар бораи хонадони Яҳудо, ҳангоме
ки онҳо ҷалои ватан гардиданд, „ҳай-ҳай!“ гуфтӣ,+
4 Бинобар ин, инак Ман туро ба тасарруфи мардуми шарқ хоҳам
дод, ва онҳо бошишгоҳҳои худро дар ту барпо хоҳанд намуд, ва
масканҳои худро дар ту хоҳанд сохт, ва меваҳои туро хоҳанд хӯрд, ва
шири туро хоҳанд нӯшид.
5 Ва Ман Раббаро ба чарогоҳи уштурон, ва замини банӣ-Аммӯнро
ба хобгоҳи рамаҳо табдил хоҳам дод, ва хоҳед донист, ки Ман
Худованд ҳастам+.
6 Зеро ки Худованд Худо чунин мегӯяд: азбаски ту чапак задӣ ва
пой кӯфтӣ, ва бо тамоми нафрате ки аз замини Исроил дар дили худ
дорӣ, шодӣ кардӣ,
7 Бинобар ин, инак Ман дасти Худро бар ту дароз хоҳам кард ва
туро ба тороҷи халқҳо хоҳам супурд, ва туро аз миёни қавмҳо маҳв
хоҳам намуд, ва туро аз миёни кишварҳо барҳам хоҳам дод; туро
несту нобуд хоҳам кард, ва хоҳӣ донист, ки Ман Худованд ҳастам+.

## Доварии оянда бар Мӯоб.

8 Худованд Худо чунин мегӯяд: азбаски Мӯоб ва Сеир мегӯянд, ки
„инак хонадони Яҳудо монанди ҳамаи халқҳо мебошанд!“ —
9 Бинобар ин, инак Ман паҳлуи Мӯобро аз шаҳрҳо, яъне аз
шаҳрҳои истеҳкомдори сарҳади он, ки ҷалоли ин кишваранд,
чунончи: Байт-Яшимут, Баал-Маӯн ва Қирьётаим, воз хоҳам кард+
10 Барои мардуми шарқ, илова бар замини банӣ-Аммӯн; Мӯобро ба
тасарруфи онҳо хоҳам дод, то ки банӣ-Аммӯн дигар дар миёни
халқҳо зикр наёбанд;+
11 Ва бар Мӯоб доварӣ хоҳам намуд, ва хоҳанд донист, ки Ман
Худованд ҳастам.

## Довар̣ӣ бар Адӯм.

12 Худованд Худо чунин мегӯяд: азбаски Адӯм аз хонадони Яҳудо
сахт интиқом гирифтааст ва аз онҳо интиқом гирифта, бағоят
гуноҳкор шудааст,+
13 Бинобар ин Худованд Худо чунин мегӯяд: Ман дасти Худро бар
Адӯм дароз хоҳам кард, ва одамону чорпоёнро аз он маҳв хоҳам сохт,
ва онро валангор хоҳам намуд; аз Темон то Дадон аз шамшер хоҳанд
афтод+.
14 Ва интиқоми Худро аз Адӯм бо дасти қавми Худ Исроил хоҳам
гирифт, ва бар тибқи хашм ва ғазаби Ман ба Адӯм амал хоҳам кард,
ва интиқоми Маро хоҳанд донист, мегӯяд Худованд Худо.

## Довар̣ӣ бар фалиштиён.

15 Худованд Худо чунин мегӯяд: азбаски фалиштиён интиқом
гирифтаанд ва бо нафрате ки дар дили худ доранд, сахт интиқом
гирифтаанд, то ки бо адовати доимӣ валангор кунанд,
16 Бинобар ин Худованд Худо чунин мегӯяд: инак Ман дасти Худро
бар фалиштиён дароз карда, критиёнро маҳв хоҳам сохт, ва бақияи
онҳоро аз соҳили баҳр нест хоҳам намуд;+
17 Ва бо ҷазоҳои ғазаболуд аз онҳо интиқоми сахт хоҳам гирифт,
ва ҳангоме ки интиқоми Худро аз онҳо бигирам, хоҳанд донист, ки
Ман Худованд ҳастам».

## Доварии оянда бар Сӯр.

**26** [1] Ва дар соли ёздаҳум, дар рӯзи якуми моҳ, каломи Худованд
бар ман нозил шуда, гуфт:
[2] «Эй писари одам! Азбаски Сӯр дар бораи Ерусалим гуфтааст:
„Ҳай-ҳай! Дарвозаи қавмҳо шикаст хӯрд; ҳама чиз ба ман мегузарад;
ман пур мешавам, чунки вай хароб шуд“,+
[3] Бинобар ин Худованд Худо чунин мегӯяд: инак Ман, эй Сӯр, ба ту
зид ҳастам! Ва халқҳои бисьёрро ба муқобили ту хоҳам бархезонид,
чунон ки баҳр мавҷҳояшро бармехезонад.
[4] Ва онҳо ҳисорҳои Сӯрро вайрон хоҳанд кард, ва бурҷҳои онро
хароб хоҳанд намуд, ва Ман хоки онро аз он хоҳам рӯфт, ва онро ба
сахраи суфтае табдил хоҳам дод.
[5] Он андаруни баҳр маконе барои паҳн кардани тӯрҳои моҳигирӣ
хоҳад гардид; зеро ки Ман гуфтам, мегӯяд Худованд Худо; ва он
тӯъмаи тороҷи халқҳо хоҳад шуд+.
[6] Ва деҳоти атрофи Сӯр, ки дар саҳро мебошанд, ба дами шамшер
кушта хоҳанд шуд, ва хоҳанд донист, ки Ман Худованд ҳастам+.
[7] Зеро ки Худованд Худо чунин мегӯяд: инак Ман Набукаднесар
подшоҳи Бобил, подшоҳи подшоҳонро аз шимол бар Сӯр бо аспон ва
аробаҳо ва саворон ва бо ҷамоат ва қавми зиёде хоҳам овард+.
[8] Деҳоти атрофи туро ӯ дар саҳро ба дами шамшер хоҳад кушт; ва
истеҳкомот ба муқобили ту хоҳад сохт, ва хокрез ба муқобили ту
барпо хоҳад кард, ва сипарҳо ба муқобили ту ба вуҷуд хоҳад овард;+
[9] Ва манҷаниқҳои худро назди ҳисорҳои ту барқарор хоҳад намуд,
ва бурҷҳои туро бо табарзинҳои худ вайрон хоҳад кард+.
[10] Аз бисьёрии аспони ӯ туро ғубор хоҳад пӯшонид; ҳангоме ки ӯ
ба дарвозаҳоят дарояд, чунон ки ба шаҳри рахнадор медароянд, аз
садои саворон ва чарххо ва аробаҳо ҳисорҳоят ба ларза хоҳад омад.
[11] Бо сумҳои аспонаш ҳамаи кӯчаҳоятро поймол хоҳад кард;
қавматро ба дами шамшер хоҳад кушт, ва биноҳои ёдгории ҷалоли ту
бо замин яксон хоҳад шуд.
[12] Ва дорони туро тороҷ хоҳанд кард, ва молҳои туро ба яғмо
хоҳанд бурд, ва ҳисорҳои туро вайрон хоҳанд намуд, ва хонаҳои
дилпазири туро хароб хоҳанд кард, ва сангҳо ва чӯб ва хоки туро
андаруни об хоҳанд андохт.

[13] Ва Ман ба ғулғулаи сурудҳоят хотима хоҳам дод; ва садои
барбатҳоят дигар шунида нахоҳад шуд+.
[14] Ва туро ба сахраи суфтае табдил хоҳам дод; маконе барои паҳн
кардани тӯрҳои моҳигирӣ хоҳӣ шуд; дигар бино нахоҳӣ ёфт; зеро
Ман, ки Худованд ҳастам, гуфтам, мегӯяд Худованд Худо+.
[15] Худованд Худо ба Сӯр чунин мегӯяд: охир, аз садои фурӯ
ғалтидани ту, вақте ки андаруни ту маҷрӯҳон оҳу нола кунанд, ва
куштори азиме ба амал ояд, ҷазираҳо ба ларза хоҳад омад+.
[16] Ва ҳамаи ҳокимони баҳр аз тахтҳои худ фурӯд хоҳанд омад, ва
ҷомаҳои зебои худро дур хоҳанд кард, ва либосҳои гулдӯзии худро
хоҳанд кашид; тарсу бим дар бар хоҳанд кард, бар замин хоҳанд
нишаст, ва ҳар лаҳза хоҳанд ларзид, ва аз боиси ту моту мабҳут
хоҳанд шуд;+
[17] Ва дар ҳаққи ту навҳа хоҳанд кард, ва ба ту хоҳанд гуфт:
„Эй, ки аз баҳрҳо маскун будӣ,
чӣ гуна ба ҳалокат расидаӣ, —
ин шаҳри шӯҳратманде ки дар баҳр пурзӯр буд,
ва худаш ва сокинонаш ҳайбати худро
бар ҳамаи сокинони баҳр ҷорӣ карда буданд!+
[18] Акнун, дар рӯзи фурӯ ғалтидани ту,
ҷазираҳо ба ларза хоҳад омад,
ва ҷазираҳое ки дар баҳр мебошад,
аз риҳлати ту ба даҳшат хоҳад афтод“.
[19] Зеро ки Худованд Худо чунин мегӯяд: чун туро монанди
шаҳрҳои ғайримаскун ба шаҳри вайронае табдил диҳам, ва вартаро
бар ту барорам, то ки обҳои бисьёр туро бипӯшонад,
[20] Он гоҳ туро бо ҳамаи онҳое ки дар гӯр фурӯд меоянд, назди
қавми қадимӣ фурӯд хоҳам овард, ва туро дар асфалҳои замин, дар
вайронаҳои абадӣ, бо онҳое ки дар гӯр фурӯд омадаанд, ҷойгир
хоҳам кард, то ки дигар маскун нашавӣ; ва ҷалолро бар замини
зиндагон зоҳир хоҳам сохт+.
[21] Туро рамзи даҳшат хоҳам гардонид, ва ба олами адам хоҳӣ
рафт; ва туро ҷустуҷӯ хоҳанд кард, вале дигар то абад ёфт нахоҳӣ
шуд, мегӯяд Худованд Худо»+.

## Навҳа дар бораи Сӯр.

27 [1] Ва каломи Худованд бар ман нозил шуда, гуфт:
[2] «Ва ту, эй писари одам, дар ҳаққи Сӯр навҳа намо,+
[3] Ва ба Сӯр бигӯй: эй, ки назди бандарҳои баҳр сокин шудаӣ, ва бар
ҷазираҳои бисьёр бо қавмҳо тиҷорат мекунӣ! Худованд Худо чунин
мегӯяд:
эй Сӯр! Ту гуфтаӣ: „Ман камоли зебоӣ ҳастам!“
[4] Ҳудуди ту дар дили баҳр аст;
бинокоронат зебоии туро мукаммал кардаанд:
[5] Ҳамаи тахтаҳоятро аз сарви Санир тайёр кардаанд;
арзи Лубнонро гирифтаанд, то ки дагале бар ту бисозанд+.
[6] Белҳоятро аз булутҳои Бошон сохтаанд;
тахтаҳои рӯйбастатро аз дарахти шамшоди ҷазираҳои Киттим сохта,
бо оҷ мурассаъ кардаанд;+
[7] Катони гулдӯзии Миср бодбони ту буд,
то ки ливое барои ту бошад.
Матои лоҷвард ва арғувон аз ҷазираҳои Алишо чодири ту буд.
[8] Сокинони Сидӯн ва Арвад белкашҳои ту буданд;
донишмандони ту, эй Сӯр, ки дар ту буданд,
сукккондорони ту буданд+.
[9] Пирони Ҷабал ва донишмандони он дар ту буданд,
рахнаҳои туро таъмир мекарданд;
ҳама гуна киштиҳои баҳр ва маллоҳонашон
дар ту буданд, то бо ту додугирифт намоянд+.
[10] Форс ва Луд ва Фут дар қӯшуни ту ҷанговарони ту буда, сипар ва
хӯд бар ту меовехтанд; онҳо туро шавкат мебахшиданд+.
[11] Банӣ-Арвад бо қӯшуни ту бар ҳисорҳоят гирдогирд меистоданд,
ва ҷаммодон дар бурҷҳои ту буданд; онҳо сипарҳои худро бар
ҳисорҳоят гирдогирд овехта, зебоии туро мукаммал мекарданд.
[12] Таршиш ба сабаби фаровонии ҳар навъ дороии он бо ту тиҷорат
мекард ва дар ивази молҳоят нуқра, оҳан, қалъагӣ ва қӯрғошим
медод+.
[13] Ёвон, Тубол ва Мошак тоҷирони ту буда, дар ивази молҳоят
ҷонҳои одам ва колои мисин медоданд+.

14 Аз хонадони Туҷармо дар ивази молҳоят аспони ёбу ва саворӣ
ва хачирон медоданд+.
15 Банӣ-Дадон тоҷирони ту буданд; аз ҷазираҳои бисьёр молҳо ба
дасти ту медаромад; дандонҳои ашкии фил ва обнус ба ту инъом
мекарданд+.
16 Аҳли Арам бо ту, ба сабаби фаровонии маснӯотат, тиҷорат
менамуданд; дар ивази молҳоят санги баҳрамон, матоъҳои арғувон,
гулдӯзӣ ва катони нозук, ва марҷон ва ёқути руммонӣ медоданд.
17 Яҳудо ва замини Исроил бо ту тиҷорат мекарданд; дар ивази
молҳоят гандуми Минит ва ҳалво ва асал ва равған ва баласон
медоданд+.
18 Димишқ, ба сабаби фаровонии маснӯотат ва аз бисьёрии ҳар
гуна дороӣ, бо ту бо шароби Ҳалбун ва пашми сафед тиҷорат
мекард+.
19 Ва Дон ва Ёвон дар ивази молҳоят калоба медоданд; оҳани
сайқалдор, пӯсти дарахти хушбӯй ва наи атрогин дар миёни молҳоят
буд+.
20 Дадон бо ту бо зинпӯшҳои зебо барои маркабҳо тиҷорат
менамуд.
21 Араб ва ҳамаи раисони Қедор бо ту додугирифт доштанд: бо
гӯсфандони парворӣ ва қӯчқорҳо ва нарбузҳо бо ту тиҷорат
мекарданд+.
22 Тоҷирони Шабо ва Раъмо бо ту тиҷорат доштанд; ҳар атриёти
беҳтарин ва ҳар навъ сангҳои гаронбаҳо ва тилло дар ивази молҳоят
медоданд+.
23 Ҳорон ва Канна ва Адан, ва тоҷирони Шабо, ва Ашшур ва Килмод
бо ту додугирифт доштанд+.
24 Онҳо бо либосҳои зебо, ва ҷомаҳои лоҷвард ва гулдӯзӣ, ва
сандуққои пур аз матоъҳои рангин, ки бо танобҳо маҳкам баста шуда
буд, дар бозорҳоят бо ту тиҷорат мекарданд.
25 Киштиҳои Таршиш қофилаҳои тиҷорати ту буданд,
ва ту пур шуда, дар дили баҳрҳо бағоят гарон гардидӣ+.
26 Белкашҳоят туро ба обҳои азим бурданд,
боди шарқӣ туро дар дили баҳрҳо дарҳам шикаст+.
27 Дороият ва молҳоят, тиҷоратат,
маллоҳонат ва сукондоронат,

онҳое ки рахнаҳоятро таъмир мекарданд,
ва онҳое ки бо ту додугирифт доштанд,
ва ҳамаи ҷанговароне ки дар ту буданд,
ва тамоми ҷамоате ки андаруни ту буданд,
дар рӯзи шикасти ту дар дили баҳрҳо меафтанд.
28 Аз садои фиғони сукkondоронат
чарогоҳҳои гирду атроф ба ларза меояд.
29 Ва ҳамаи белкашҳо, маллоҳон,
ҳамаи суккондорони баҳр аз киштиҳои худ фуромада, дар замин
меистанд+.
30 Ва дар ҳаққи ту овози худро баланд карда,
бо талхӣ фарьёд мезананд,
ва хок бар сари худ рехта, дар хокистар меғеланд;+
31 Ва барои ту мӯйсари худро тамоман тарошида, палос мепӯшанд,
ва бо талхии ҷон барои ту зор-зор гириста, навҳа мекунанд;
32 Ва дар гирьяи худ барои ту овозандозӣ мекунанд
ва навҳа намуда, мегӯянд:
„Кист мисли Сӯр,
ки андаруни баҳр хомӯш гардидааст!+
33 Ҳангоме ки молҳоят аз баҳрҳо берун меомад,
қавмҳои бисьёрро сер мекардӣ,
бо фаровонии дороӣ ва тиҷорати худ
подшоҳони заминро бой мегардондӣ+.
34 Алҳол, ки дар баҳрҳо,
дар умқҳои обҳо шикаст хӯрдаӣ,
молҳои ту ва тамоми ҷамоати ту
андаруни ту фурӯ ғалтидаанд.
35 Ҳамаи сокинони ҷазираҳо
дар бораи ту моту мабҳут шудаанд,
ва подшоҳонашон бисьёр ба ҳаяҷон омада,
пажмурдарӯй гардидаанд+.
36 Тоҷирони қавмҳо дар бораи ту хайрон шуда ҳуштак мекашанд;
ту мавриди даҳшат гардидаӣ,
ва то абад дигар нахоҳӣ буд“»+.

## Набӣ подшоҳи Сӯрро мазаммат менамояд.

**28** [1] Ва каломи Худованд бар ман нозил шуда, гуфт:
[2] «Эй писари одам! Ба раиси Сӯр бигӯй: „Худованд Худо
чунин мегӯяд:
азбаски дили ту мағрур шудааст,
ва ту мегӯӣ: «Ман Худо ҳастам,
бар нишемангоҳи худоён нишастаам»,
ва ҳол он ки ту одамизод ҳастӣ ва на Худо,
валекин дили худро мисли худоён пиндоштаӣ,+
[3] Инак, ту аз Дониёл ҳакимтар ҳастӣ,
ва ҳеҷ сирре аз ту пӯшида нест;+
[4] Бо ҳикмат ва хиради худ
сарват барои худ ғун кардаӣ,
ва тиллову нуқра дар ганҷинаҳои худ андӯхтаӣ;+
[5] Бо фаровонии ҳикмати худ,
ба воситаи тиҷорати худ сарвати худро афзун кардаӣ,
ва дили ту аз сарвати ту мағрур шудааст,
[6] Бинобар ин Худованд Худо чунин мегӯяд:
азбаски ту дили худро мисли дили худоён пиндоштаӣ,
[7] Бинобар ин, инак Ман аҷнабиён,
золимтарини халқҳоро бар ту хоҳам овард,
ва онҳо шамшерҳои худро бар зебоии ҳикмати ту кашида,
латофати туро поймол хоҳанд кард;+
[8] Туро дар гӯр фурӯд хоҳанд овард,
ва ту бо мавти мақтулон дар дили баҳрҳо хоҳӣ мурд.
[9] Оё ту ба ҳузури қотили худ хоҳӣ гуфт:
«Ман Худо ҳастам?» Ва ҳол он ки ту дар дасти кушандаи худ
одамизод хоҳӣ буд, ва на Худо.
[10] Аз дасти аҷнабиён бо мавти номахтунон хоҳӣ мурд,
зеро ки Ман гуфтам, мегӯяд Худованд Худо“»+.
[11] Ва каломи Худованд бар ман нозил шуда, гуфт:
[12] «Эй писари одам! Дар ҳаққи подшоҳи Сӯр навҳа намо ва ба ӯ
бигӯй: „Худованд Худо чунин мегӯяд:
ту нигини мукаммал, пуррагин ҳикмат ва камоли ҳусн ҳастӣ+.
[13] Ту дар Адан, дар боғи Худо будӣ;

либосҳои ту бо ҳар гуна санги гаронбаҳо:
лаъл, ёқути зард ва алмос, забарҷад, ҷазъ ва яшм,
ёқути кабуд, баҳрамон ва зумуррад мурассаъ буд,
ва санъати дафҳо ва найҳоят барои ту аз тилло буд,
ва ҳамааш дар рӯзи офариниши ту муҳайё шуда буд+.
14 Ту каррубии бузургҷуссае ҳастӣ, ки бо болҳоят соя афкандаӣ,
ва Ман туро бар кӯҳи муқаддас ҷойгир кардам;
мисли яке аз худоён будӣ, ва андаруни сангҳои оташин роҳ
мепаймудӣ+.
15 Ту аз рӯзи офариниши худ дар роҳҳоят комил будӣ,
то вақте ки маъсияти ту ошкор гардид.
16 Дар баробари вусъат ёфтани тиҷорати ту
ботинат аз ситам пур шуд, ва ту гуноҳ кардӣ,
ва Ман туро аз кӯҳи Худо сарнагун сохтам,
ва туро, эй каррубии сояафкан,
аз даруни сангҳои оташин нест кардам.
17 Дили ту аз зебоии ту мағрур шуд,
ту ҳикмати худро аз боиси латофати худ нобуд кардӣ;
Ман туро бар замин задам, пеши подшоҳон вожгун намудам,
то ба ту бо нафрат назар андозанд.
18 Бо фаровонии гуноҳҳои худ,
бо ноинсофии тиҷорати худ ту маконҳои муқаддаси худро палид
кардӣ;
ва Ман аз даруни ту оташе берун хоҳам овард,
ки он туро хоҳад сӯзонид,
ва Ман туро дар пеши назари ҳамаи бинандагонат
бар рӯи замин хокистар хоҳам гардонид.
19 Ҳамаи онҳое ки дар миёни қавмҳо туро мешинохтанд,
дар бораи ту моту мабҳут хоҳанд шуд;
ту мавриди даҳшат гардидаӣ,
ва то абад дигар нахоҳӣ буд“»+.

## Доварӣ бар Сидӯн.

20 Ва каломи Худованд бар ман нозил шуда, гуфт:
21 «Эй писари одам! Рӯи худро ба тарафи Сидӯн бигардон, ва дар
ҳаққи он нубувват намо+.

[22] Ва бигӯй: „Худованд Худо чунин мегӯяд:
Инак Ман ба ту, эй Сидӯн, зид ҳастам,
ва андаруни ту ҷалол хоҳам ёфт;
ва чун бар он доварӣ намуда, ба воситаи он тақдис ёбам,
хоҳанд донист, ки Ман Худованд ҳастам.
[23] Ва вабо бар он, ва хун бар кӯчаҳояш хоҳам фиристод,
ва шаҳидон андаруни он аз шамшере
ки аз ҳар ҷониб бар он меояд, хоҳанд афтод;
ва хоҳанд донист, ки Ман Худованд ҳастам+.
[24] Ва он дигар барои хонадони Исроил аз миёни ҳамаи
атрофиёнашон, ки аз онҳо нафрат доранд, янтоқи халанда ва хори
дардовар нахоҳад буд; ва хоҳанд донист, ки Ман Худованд Худо
ҳастам+.

## Худованд ваъда медиҳад, ки Исроилро аз парокандагӣ ҷамъ оварад.

[25] Худованд Худо чунин мегӯяд: ҳангоме ки Ман хонадони
Исроилро аз миёни қавмҳое ки андарунашон пароканда шудаанд,
ҷамъ оварам ва ба воситаи онҳо дар назари халқҳо тақдис ёбам, онҳо
дар замини худашон, ки ба бандаи худ Яъқуб додаам, сокин хоҳанд
шуд;+
[26] Ва дар он дар амният сокин шуда, хонаҳо бино хоҳанд кард ва
токҳо хоҳанд шинонид ва дар амният сокин хоҳанд шуд; ҳангоме ки
бар ҳамаи атрофиёнашон, ки аз онҳо нафрат доранд, доварӣ намоям,
хоҳанд донист, ки Ман Худованд Худои онҳо ҳастам“»+.

## Нубувват дар бораи Миср.

**29** 1 Дар соли даҳум, дар рӯзи дувоздаҳуми моҳи даҳум, каломи
Худованд бар ман нозил шуда, гуфт:

2 «Эй писари одам! Рӯи худро ба тарафи фиръавн подшоҳи Миср
бигардон, ва дар ҳаққи ӯ ва тамоми Миср нубувват намо+.

3 Сухан ронда, бигӯй: „Худованд Худо чунин мегӯяд:
инак Ман ба ту, эй фиръавн подшоҳи Миср, зид ҳастам!
Эй тимсоҳи бузург, ки андаруни наҳрҳои худ хобида, мегӯӣ:
«Наҳри ман аз они ман аст,
ва ман онро ба вуҷуд овардаам»+.
4 Вале Ман чангакҳо дар ҷоғҳоят хоҳам андохт,
ва моҳиёни наҳрҳоятро ба пулакчаҳоят хоҳам часпонид,
ва туро аз даруни наҳрҳоят хоҳам баровард,
бо ҳамаи моҳиёни наҳрҳоят,
ки ба пулакчаҳои ту часпида бошанд+.
5 Ва туро дар биёбон хоҳам партофт,
туро бо ҳамаи моҳиёни наҳрҳоят;
ту бар рӯи саҳро хоҳӣ афтод, ва дигар ҷамъ карда ва фароҳам оварда
нахоҳӣ шуд;
туро тӯъмаи ҳайвоноти замин ва мурғони ҳаво
хоҳам гардонид+.
6 Ва ҳамаи сокинони Миср хоҳанд донист,
ки Ман Худованд ҳастам,
чунки онҳо барои хонадони Исроил асои наин буданд+.
7 Вақте ки туро ба даст гирифтанд,
ту пора шуда, тамоми китфашонро маҷрӯҳ сохтӣ;
ва ҳангоме ки бар ту такья карданд,
ту шикаста, тамоми камари онҳоро бемаҷол гардондӣ.

8 Бинобар ин Худованд Худо чунин мегӯяд: инак Ман бар ту
шамшер хоҳам овард, ва аз миёни ту инсон ва ҳайвонро несту нобуд
хоҳам кард+.

9 Ва замини Миср валангор ва харобазор хоҳад гардид, ва хоҳанд
донист, ки Ман Худованд ҳастам, чунки мегуфт: «Наҳр аз они ман
аст, ва ман онро ба вуҷуд овардаам».

[10] Бинобар ин, инак Ман ба ту ва ба наҳрҳоят зид ҳастам, ва
замини Мисрро аз Миҷдӯл то Асвон ва то сарҳади Ҳабаш тамоман
харобу валангор хоҳам сохт+.
[11] Пои инсон аз он гузар нахоҳад кард, ва пои ҳайвон аз он гузар
нахоҳад кард; ва он чил сол маскун нахоҳад шуд.
[12] Ва замини Мисрро андаруни заминҳои вайронаю валангор,
валангор хоҳам кард, ва шаҳрҳояш андаруни шаҳрҳои хароба чил сол
вайронаю валангор хоҳад буд; ва аҳли Мисрро дар миёни халқҳо
пароканда хоҳам сохт, ва дар миёни кишварҳо парешон хоҳам кард+.
[13] Зеро ки Худованд Худо чунин мегӯяд: баъд аз тамом шудани
чил сол аҳли Мисрро аз миёни қавмон, ки дар он ҷо пароканда
шудаанд, ҷамъ хоҳам кард;+
[14] Ва асирони Мисрро хоҳам баргардонид, ва онҳоро ба замини
Фатрус, ба замини зодгоҳашон хоҳам овард, ва дар он ҷо мамлакати
заифе хоҳанд буд+.
[15] Он пасттарини мамлакатҳо хоҳад буд ва дигар бар халқҳо
бартарӣ нахоҳад дошт; ва Ман онҳоро хурд хоҳам гардонид, то ки бар
халқҳо хукмронӣ накунанд.
[16] Ва он дигар барои хонадони Исроил пушту паноҳе нахоҳад буд,
ки маъсияташонро ба ёд меоварда бошад, ки он вақт онҳо ба он
муроҷиат карда буданд; ва хоҳанд донист, ки Ман Худованд Худо
ҳастам“»+.
[17] Ва чунин воқеъ шуд, ки дар соли бисту ҳафтум, дар рӯзи якуми
моҳи якум, каломи Худованд бар ман нозил шуда, гуфт:
[18] «Эй писари одам! Набукаднесар подшоҳи Бобил лашкари худро
назди Сӯр меҳнати азиме фармуд; ҳар калла бемӯй ва ҳар китф
захмдор гардид, вале худаш ва лашкараш аз Сӯр барои меҳнате ки
назди он ба ҷо оварданд, ҳеҷ музде пайдо накарданд.
[19] Бинобар ин Худованд Худо чунин мегӯяд: инак Ман замини
Мисрро ба Набукаднесар подшоҳи Бобил хоҳам дод, ва ӯ дороии онро
хоҳад бурд, ва ғанимати онро ба ғанимат хоҳад гирифт ва
тороҷкардаи онро тороҷ хоҳад кард, ва ин барои лашкараш музде
хоҳад шуд+.
[20] Барои амалиёте ки ӯ назди он ба ҷо овардааст, Ман замини
Мисрро ба ӯ хоҳам дод, чунки он корро барои Ман кардаанд, мегӯяд
Худованд Худо.

[21] Дар он рӯз Ман шохе барои хонадони Исроил хоҳам рӯёнид, ва
даҳони туро андаруни онҳо хоҳам кушод, ва хоҳанд донист, ки Ман
Худованд ҳастам».

## Дар бораи он ки Мисрро дар рӯзи Худованд чӣ мусибатҳо дар пеш аст.

30 [1] Ва каломи Худованд бар ман нозил шуда, гуфт:
[2] «Эй писари одам! Нубувват намуда, бигӯй: „Худованд Худо
чунин мегӯяд:
зор-зор гириста, бигӯед: «Вой бар он рӯз!»
[3] Зеро ки он рӯз наздик аст,
ва рӯзи Худованд наздик аст;
рӯзи тира, замони халқҳо фаро мерасад+.
[4] Ва шамшер бар Миср меояд,
ва Ҳабашро тарсу бим фаро хоҳад гирифт,
вақте ки дар Миср шаҳидон фурӯ ғалтанд,
ва дороии онро бигиранд,
ва асосҳои он хароб гардад+.
[5] Ҳабаш ва Фут ва Луд ва тамоми омезиши қабилаҳо ва Куб, ва
аҳли замини аҳд ҳамроҳи онҳо аз шамшер хоҳанд афтод+.
[6] Худованд чунин мегӯяд:
ва мададгорони Миср фурӯ хоҳанд ғалтид,
ва кибриёи қуввати он аз Миҷдӯл то Асвон паст хоҳад шуд;
дар он аз шамшер хоҳанд афтод, мегӯяд Худованд Худо+.
[7] Ва он андаруни кишварҳои вайронаю валангор, валангор хоҳад
шуд, ва шаҳрҳои он андаруни шаҳрҳои хароба хоҳад буд+.
[8] Ва хоҳанд донист, ки Ман Худованд ҳастам; ҳангоме ки Ман бар
Миср оташ занам, ҳамаи ёваронаш шикаст хоҳанд хӯрд+.
[9] Дар он рӯз аз ҳузури Ман қосидон бо киштиҳо берун хоҳанд
рафт, то ки ҳабашиёни бепарворо ба ҳарос андозанд; ва онҳоро,
мисли рӯзи Миср, тарсу бим фаро хоҳад гирифт, зеро ки инак он
фаро мерасад.
[10] Худованд Худо чунин мегӯяд: ва Ман ба анбӯҳи Миср ба воситаи
Набукаднесар подшоҳи Бобил хотима хоҳам дод+.
[11] Ӯ ва қавми ӯ бо ӯ, золимтарини халқҳо, барои несту нобуд
кардани ин замин оварда хоҳанд шуд, ва онҳо шамшери худро бар
Миср кашида, заминро аз мақтулон пур хоҳанд кард.
[12] Ва Ман наҳрҳоро хоҳам хушконид, ва заминро ба дасти шарирон
хоҳам супурд; ва заминро бо ҳар чи дар он аст, бо дасти аҷнабиён

валангор хоҳам кард; Ман, ки Худованд ҳастам, гуфтам+.
[13] Худованд Худо чунин мегӯяд: ва Ман бутҳоро нест хоҳам кард,
ва санамҳоро аз Нӯф барҳам хоҳам дод, ва раисе аз замини Миср
дигар нахоҳад буд, ва Ман замини Мисрро ба ҳарос хоҳам андохт+.
[14] Ва Фатрусро ба харобазор табдил хоҳам дод, ва оташ бар Суан
хоҳам зад, ва доварӣ бар Нӯ хоҳам кард+.
[15] Ва ғазаби Худро бар Син, ки истеҳкоми Миср аст, фурӯ хоҳам
рехт, ва анбӯҳи Нӯро маҳв хоҳам кард.
[16] Ва ҳангоме ки бар Миср оташ занам, Син ба ларза хоҳад омад, ва
Нӯ рахнадор хоҳад шуд, ва Нӯф ҳамеша ба ҳуҷуми душманон дучор
хоҳад гардид.
[17] Ҷавонони Ӯн ва Фибаст аз шамшер хоҳанд афтод, ва бақияи онҳо
ба асирӣ хоҳанд рафт+.
[18] Ва дар Таҳфанаҳес рӯз торик хоҳад шуд, вақте ки Ман юғи
Мисрро дарҳам шиканам, ва кибриёи қуввати он хотима ёбад; абрҳо
онро хоҳад пӯшонид, ва деҳоти атрофи он ба асирӣ хоҳанд рафт+.
[19] Ва ҳангоме ки бар Миср доварӣ намоям, хоҳанд донист, ки Ман
Худованд ҳастам“»+.

## Дар ҷанги Миср ва Бобил Худованд тарафдори Бобил аст.

[20] Ва чунин воқеъ шуд, ки дар соли ёздаҳум, дар рӯзи ҳафтуми
моҳи якум, каломи Худованд бар ман нозил шуда, гуфт:
[21] «Эй писари одам! Ман бозуи фиръавн подшоҳи Мисрро дарҳам
шикастаам; ва инак он ҷароҳатбандӣ карда нашудааст, то ки шифо
ёбад, ва тахтабанде бар он гузошта нашудааст, то ки барои нигоҳ
доштани шамшер пайванд ва қавӣ гардад+.
[22] Бинобар ин Худованд Худо чунин мегӯяд: инак Ман ба фиръавн
подшоҳи Миср зид ҳастам, ва бозуҳои ӯро, ҳам сиҳҳаташ ва ҳам
шикастаашро, дарҳам хоҳам шикаст, ва шамшерро аз дасти ӯ хоҳам
ғалтонид.
[23] Ва аҳли Мисрро дар миёни халқҳо пароканда хоҳам сохт, ва
онҳоро дар кишварҳо парешон хоҳам кард+.
[24] Ва бозуҳои подшоҳи Бобилро боқувват хоҳам кард, ва шамшери
худро ба дасти ӯ хоҳам дод, ва бозуҳои фиръавнро дарҳам хоҳам
шикаст, то ки ба ҳузури душман бо оҳу нолаи шаҳидон оҳу нола
кунад.

25 Ва бозуҳои подшоҳи Бобилро тақвият хоҳам дод, вале бозуҳои
фиръавн фурӯ хоҳад ғалтид; ва хоҳанд донист, ки Ман Худованд
ҳастам, вақте ки шамшери Худро ба дасти подшоҳи Бобил бидиҳам,
ва ӯ онро бар замини Миср дароз кунад.
26 Ва аҳли Мисрро дар миёни халқҳо пароканда хоҳам сохт, ва
онҳоро дар кишварҳо парешон хоҳам кард; ва хоҳанд донист, ки Ман
Худованд ҳастам».

## Нубувват дар бораи фиръавн.

**31** [1]Ва чунин воқеъ шуд, ки дар соли ёздаҳум, дар рӯзи якуми
моҳи сеюм, каломи Худованд бар ман нозил шуда, гуфт:
[2]«Эй писари одам! Ба фиръавн подшоҳи Миср ва ба анбӯҳи ӯ
бигӯй: „дар бузургии худ ту ба кӣ монандӣ дорӣ+?
[3]Инак, ашшур* арзест дар Лубнон, ки дорои шохаҳои зебост, ва
мисли бешаи серсоя аст, ва қоматаш баланд аст, ва дар миёни анбӯҳи
шохаҳо сар афрохтааст+.
[4]Обҳо онро сабзонидааст, варта онро баланд кардааст: вай
наҳрҳояшро гирдогирди киштзори худ ҷорӣ намудааст, ва
ҷӯйҳояшро сӯи ҳамаи дарахтони саҳро фиристодааст.
[5]Бинобар ин қомати он аз ҳамаи дарахтони саҳро баландтар
шудааст, ва шохаҳои он афзудааст, ва навдаҳои теппаҳои он аз обҳои
бисьёр нашъунамо ёфта, дароз шудааст.
[6]Дар миёни шохаҳои он ҳамаи мурғони ҳаво лона месохтанд, ва
зери навдаҳояш тамоми ҳайвоноти саҳро бача меоварданд, ва дар
сояи он ҳар навъ халқҳои сершумор сукунат доштанд+.
[7]Ва он бо бузургии худ, бо дарозии шохаҳои худ хушнамуд
гардид, зеро ки решаҳояш назди обҳои бисьёр буд.
[8]Арзҳои боғи Худо онро наметавонист пинҳон созад; сарвҳо ба
шохаҳои он монандӣ надошт, ва қастонаҳо мисли навдаҳои он набуд;
ҳеҷ як дарахти боғи Худо дар зебоии худ ба он монанд набуд+.
[9]Ман онро бо фаровонии шохаҳояш зебо гардонидаам, ба тавре ки
ҳамаи дарахтони Адан, ки дар боғи Худо мебошанд, аз он ҳасад
мебурданд.
[10]Бинобар ин Худованд Худо чунин мегӯяд: азбаски қомати ту
баланд шудааст, ва ту дар миёни анбӯҳи шохаҳо сар афрохтаӣ, ва
дилат аз баландии қадат мағрур гардидааст,+
[11]Бинобар ин Ман онро ба дасти зӯровари халқҳо хоҳам супурд, то
ки ба он бар тибқи шарорати он амал кунад; ва онро бадар хоҳам
ронд.
[12]Ва аҷнабиён, золимтарини халқҳо, онро бурида, фурӯ хоҳанд
ғалтонид; шоҳахои он бар кӯҳҳо ва дар ҳамаи дараҳо хоҳад афтод, ва
навдаҳои он дар ҳамаи рӯдхонаҳои замин хоҳад шикаст, ва ҳамаи
қавмҳои замин аз зери сояи он фурӯд омада, онро тарк хоҳанд кард+.

[13] Бар шикастапораҳои он ҳар навъ мурғони ҳаво сокин хоҳанд
шуд, ва дар миёни навдаҳояш ҳар гуна ҳайвоноти саҳро хоҳанд буд,+
[14] То ки ҳеҷ яке аз дарахтони назди обҳо аз қади баланди худ
мағрур нашавад, ва дар миёни анбӯҳи шоҳаҳо сар наафрозад, ва
ҳамаи дарахтони обхӯр кибриёи худро ба сабаби баландии худ афзун
накунанд; зеро ки ҳамаи онҳо дар асфалуссофилин андаруни банӣ-
одаме ки дар гӯр фурӯд омадаанд, маҳкуми мамот мебошанд+.
[15] Худованд Худо чунин мегӯяд: дар рӯзе ки вай дар гӯр фурӯд ояд,
Ман вартаро сӯгдор гардонида, барои вай либоси мотамӣ хоҳам
пӯшонид, ва ҷараёни наҳрҳояшро хоҳам боздошт, ва обҳои бисьёр аз
ҳаракат хоҳад монд; ва Лубнонро барои вай шикастадил хоҳам кард,
ва ҳамаи дарахтони саҳро барояш пажмурда хоҳанд шуд.
[16] Аз садои фурӯ ғалтиданаш халқҳоро ба ларза хоҳам овард, вақте
ки варо бо онҳое ки дар гӯр фурӯд меоянд, дар дӯзах фурӯд оварам,
ва он гоҳ ҳамаи дарахтони Адан, ки гузину беҳтарини Лубнон
мебошанд, яъне ҳамаи обхӯрон дар асфалуссофилин тасаллӣ хоҳанд
ёфт+.
[17] Онҳо низ ҳамроҳи вай сӯи мақтулони шамшер дар дӯзах фурӯд
хоҳанд омад; ва мададгорони вай низ, ки дар сояи вай андаруни
халқҳо сокин буданд.
[18] Пас, ба кадоме аз дарахтони Адан ту дар ҷалол ва бузургии худ
монандӣ доштӣ? Валекин бо дарахтони Адан дар асфалуссофилин
фурӯд оварда хоҳӣ шуд, андаруни номахтунон бо мақтулони
шамшер хоҳӣ хобид; ин фиръавн аст бо тамоми анбӯҳи вай, мегӯяд
Худованд Худо“»+.

## Андӯҳ дар бораи тақдири фиръавн.

32 [1] Ва чунин воқеъ шуд, ки дар соли дувоздаҳум, дар рӯзи
якуми моҳи дувоздаҳум, каломи Худованд бар ман нозил шуда,
гуфт:

[2] «Эй писари одам! Дар ҳаққи фиръавн подшоҳи Миср навҳа намо
ва ба ӯ бигӯй:
„эй, ки худро шери жаёни халқҳо мепиндоштӣ!
Вале ту мисли тимсоҳе дар баҳрҳо ҳастӣ,
ва дар наҳрҳои худ ҷавлон менамоӣ,
ва обҳоро бо пойҳои худ лой мекунӣ,
ва наҳрҳошонро лойқазор мегардонӣ“+.
[3] Худованд Худо чунин мегӯяд:
Ман тӯри Худро дар ҷамъомади қавмҳои бисьёр
бар ту хоҳам густурд,
ва онҳо туро бо тӯри Ман хоҳанд баровард+.
[4] Ва туро бар замин хоҳам партофт,
бар рӯи саҳро хоҳам андохт,
ва ҳар навъ мурғони ҳаворо дар ту ҷойгир хоҳам кард,
ва ҳайвоноти тамоми заминро аз ту сер хоҳам сохт+.
[5] Ва гӯшти туро бар кӯҳҳо хоҳам партофт,
ва дараҳоро аз лошаҳоят пур хоҳам кард.
[6] Ва замини обьёрии туро бо ҳуни ту,
ки аз кӯҳҳо ҷорӣ мешавад, обьёрӣ хоҳам намуд;
ва рӯдхонаҳо аз ту пур хоҳад шуд.
[7] Ва ҳангоме ки ту хомӯш шавӣ, осмонро хоҳам пӯшонид,
ва ситораҳои онро торик хоҳам кард;
офтобро бо абр хоҳам пӯшонид,
ва моҳ рӯшноии худро нахоҳад дод+.
[8] Ҳамаи найирҳои нурафкани осмонро
бар ту сиёҳ хоҳам гардонид,
ва торикӣ бар замини ту хоҳам овард,
мегӯяд Худованд Худо+.

[9] Ва дили қавмҳои бисъёрро ба изтироб хоҳам андохт, вақте ки
хабари шикасти туро ба халқҳо, ба заминҳое ки ту намешинохтӣ,
бирасонам.

[10] Ва қавмҳои бисьёрро дар ҳаққи ту моту мабҳут хоҳам сохт, ва
подшоҳони онҳо дар ҳаққи ту бағоят ба ларза хоҳанд омад, вақте ки
шамшери Худро пеши рӯяшон ҷавлон диҳам; ва онҳо дар рӯзи фурӯ
ғалтидани ту ҳар яке барои ҷони худ ҳар лаҳза хоҳанд ларзид+.
[11] Зеро ки Худованд Худо чунин мегӯяд: шамшери подшоҳи Бобил
бар ту хоҳад омад+.
[12] Бо шамшери зӯроварон, ки ҳамаашон золимтарини халқҳо
мебошанд, анбӯҳи туро фурӯ хоҳам ғалтонид;
ва онҳо кибриёи Мисрро несту нобуд хоҳанд кард,
ва тамоми анбӯҳи он ба ҳалокат хоҳанд расид+.
[13] Ва ҳамаи чорпоёни онро назди обҳои фаровон маҳв хоҳам намуд,
ва пои одамизод дигар онҳоро лой нахоҳад кард,
ва суми чорпоён онҳоро лой нахоҳад кард.
[14] Он гоҳ обҳои онҳоро софу зулол гардонида,
наҳрҳои онҳоро мисли равған ҷорӣ хоҳам намуд, мегӯяд Худованд
Худо.
[15] Ҳангоме ки замини Мисрро вайронаю валангор намоям,
ва замин аз ҳар чи дар он аст, тиҳӣ гардад,
ва ҳангоме ки ҳамаи сокинони онро ба ҳалокат бирасонам,
он гоҳ хоҳанд донист, ки Ман Худованд ҳастам+.

## Суруди навҳагарӣ дар бораи Миср.

[16] Навҳае ки хоҳанд хонд, ҳамин аст, ва духтарони халқҳо онро
хоҳанд хонд; дар ҳаққи Миср ва дар ҳаққи анбӯҳаш онро хоҳанд хонд,
мегӯяд Худованд Худо».
[17] Ва чунин воқеъ шуд, ки дар соли дувоздаҳум, дар рӯзи
понздаҳуми моҳ, каломи Худо бар ман нозил шуда, гуфт:
[18] «Эй писари одам! Дар ҳаққи анбӯҳи Миср навҳа намо ва онро, —
ҳам онро ва ҳам духтарони халқҳои кабирро, — ба асфалуссофилин
фурӯд овар, то бо онҳое бошанд, ки дар гӯр фурӯд омадаанд+.
[19] „Ту аз кӣ хубтарӣ? Фурӯд ой ва бо номахтунон бихоб“+.
[20] Андаруни мақтулони шамшер фурӯ хоҳанд ғалтид: шамшер
супурда шудааст; ӯро бо тамоми анбӯҳаш бикашед.
[21] Гузини зӯроварон аз даруни дӯзах дар ҳаққи ӯ ва мададгоронаш
хоҳанд гуфт: „Инак, ин номахтунон, ин мақтулони шамшер фурӯд
омада, хобидаанд!“+

22 Дар он ҷо Ашшур ва тамоми ҷамоати ӯ мебошанд, ки қабрҳошон гирдогирди ӯст; ҳамаашон мақтулоне ҳастанд, ки аз шамшер афтодаанд+.

23 Қабрҳои ӯ дар ақсои гӯристон ҷойгир шудааст, ва ҷамоати ӯ гирдогирди қабри ӯст; ҳамаашон мақтулоне ҳастанд, ки аз шамшер афтодаанд, дар сурате ки дар замини зиндагон ҳамаро дар даҳшат меандохтанд+.

24 Дар он ҷо Элом аст, ва тамоми анбӯҳаш гирдогирди кабри ӯст; ҳамаашон мақтулоне ҳастанд, ки аз шамшер афтодаанд, ва дар ҳолати номахтунӣ ба асфалуссофилин фурӯд омадаанд, дар сурате ки дар замини зиндагон ҳамаро дар даҳшат меандохтанд, ва алҳол бо онҳое ки дар гӯр фурӯд омадаанд, бори нанги худро мебардоранд+.

25 Ба ӯ бо тамоми анбӯҳаш андаруни мақтулон ҷойхобе додаанд; қабрҳошон гирдогирди ӯст; ҳамаашон номахтуноне ҳастанд, ки ба дами шамшер кушта шудаанд, дар сурате ки дар замини зиндагон дар даҳшат меандохтанд, ва алҳол бо онҳое ки дар гӯр фурӯд омадаанд, бори нанги худро мебардоранд, ва андаруни мақтулон ҷойгир шудаанд.

26 Дар он ҷо Мошак ва Тубол ва тамоми анбӯҳашон мебошанд, ки қабрҳошон гирдогирди онҳост; ҳамаашон номахтуноне ҳастанд, ки ба дами шамшер кушта шудаанд, дар сурате ки дар замини зиндагон ҳамаро дар даҳшат меандохтанд+.

27 Ва онҳо, ки аз миёни номахтунон фурӯ ғалтидаанд, бо зӯроварone наҳоҳанд хобид, ки бо аслиҳаи ҷангии худ дар дӯзах фурӯд омадаанд, ва шамшерҳои худро зери сарашон гузоштаанд. Гуноҳи онҳо бар устухонҳошон хоҳад буд, зеро ки дар замини зиндагон зӯроваронро дар даҳшат меандохтанд.

28 Ту низ андаруни номахтунон шикаст хоҳӣ хӯрд, ва бо мақтулони шамшер хоҳӣ хобид+.

29 Дар он ҷо Адӯм, подшоҳонаш ва ҳамаи раисонаш мебошанд, ки бо вуҷуди зӯроварии худ бо мақтулони шамшер ҷойгир шудаанд; онҳо бо номахтунон ва бо онҳое ки дар гӯр фурӯд омадаанд, хобидаанд+.

30 Дар он ҷо ҳокимони шимол ва ҳамаи сидӯниён мебошанд, ки бо вуҷуди даҳшати худ, аз зӯроварии худ хиҷил гардида, бо мақтулон фурӯд омадаанд, ва бо мақтулони шамшер дар ҳолати номахтунӣ

хобидаанд, ва алҳол бо онҳое ки дар гӯр фурӯд омадаанд, бори нанги
худро мебардоранд+.
[31] Фиръавн онҳоро дида, дар хусуси тамоми анбӯҳи худ тасаллӣ
хоҳад ёфт; фиръавн ва тамоми лашкари ӯ мақтулони шамшер хоҳанд
буд, мегӯяд Худованд Худо.
[32] Зеро ки Ман ӯро вогузоштаам, ки дар замини зиндагон ҳамаро
дар даҳшат андозад, ва ӯ, яъне фиръавн ва тамоми анбуҳаш,
андаруни номахтунон бо мақтулони шамшер хобонида хоҳад шуд,
мегӯяд Худованд Худо».

## Дастуру машваратҳо ба асироне ки дар Бобил мебошанд.

33 [1] •Ва каломи Худованд бар ман нозил шуда, гуфт:
[2] «Эй писари одам! Бо писарони қавми худ сухан ронда, ба
онҳо бигӯй: агар Ман бар замине шамшер оварам, ва қавми он замин
касеро аз миёни худ гирифта, ӯро барои худ дидбон таъин кунанд,+
[3] Ва ӯ шамшерро, ки бар он замин меояд, бубинад, ва шох навохта,
қавмро огоҳ намояд,+
[4] Ва агар касе садои шохро шунида, эҳтиёт нашавад, он гоҳ
шамшер омада, ӯро гирифтор хоҳад кард, ва хуни ӯ бар гардани ӯ
хоҳад буд+.
[5] Ӯ садои шохро шунид, вале зҳтиёт нашуд, хунаш бар гарданаш
хоҳад буд; ва агар зҳтиёт мешуд, ҷони худро раҳо мекард.
[6] Ва агар дидбон шамшерро, ки меояд, бубинад, вале шох
нанавозад ва қавмро огоҳ нанамояд, ва шамшер омада, ҷонеро аз
миёни онҳо гирифтор кунад, вай дар гуноҳи худ гирифтор шудааст,
вале хуни варо аз дасти дидбон талаб хоҳам кард.
[7] Ва ту, эй писари одам! Ман туро барои хонадони Исроил дидбон
таъин намудаам, ва ту каломро аз даҳони Ман шунида, онҳоро аз
Ман огоҳ хоҳӣ намуд+.
[8] Ҳангоме ки Ман ба шарире бигӯям: „Эй шарир, албатта хоҳӣ
мурд!“ — вале ту сухане нагӯӣ барои он ки шарирро аз роҳи ӯ огоҳ
намоӣ, он шарир дар гуноҳи худ хоҳад мурд, аммо хуни ӯро Ман аз
дасти ту талаб хоҳам кард.
[9] Валекин агар ту шариреро аз роҳи ӯ огоҳ намоӣ, то ки аз он тавба
кунад, ва ӯ аз роҳи худ тавба накунад, ӯ дар гуноҳи худ хоҳад мурд,
ва ту ҷони худро наҷот додаӣ+.

[10] •Ва ту, эй писари одам, ба хонадони Исроил бигӯй: „Шумо сухан
ронда, чунин мегӯед: модоме ки маъсиятҳо ва гуноҳҳои мо бар
гардани мост, ва мо дар онҳо обу адо шуда истодаем, пас чӣ тавр мо
зинда хоҳем монд?“+
[11] Ба онҳо бигӯй: „ба ҳаёти Худам қасам ки, мегӯяд Худованд Худо,
Ман мурдани шарирро хоҳон нестам, балки онро, ки шарир аз роҳи
худ тавба карда, зинда монад. Аз роҳҳои бади худ тавба кунед, тавба
кунед, эй хонадони Исроил! Пас чаро бимиред?“+

12 Ва ту, эй писари одам, ба писарони қавми худ бигӯй: „адолати
одил ӯро дар рӯзе ки гуноҳкор шавад, раҳо нахоҳад кард, ва
шарорати шарир дар рӯзе ки ӯ аз шарорати худ тавба кунад, сабаби
ҳалокати ӯ нахоҳад шуд; ва одил дар рӯзе ки гуноҳ кунад, ба туфайли
адолати худ зинда нахоҳад монд.
13 Ҳангоме ки Ман дар бораи одил гӯям: «Ӯ албатта зинда хоҳад
монд», ва ӯ ба адолати худ эътимод намуда, ноинсофӣ кунад,
тамоми адолати ӯ ба ёд оварда нахоҳад шуд, ва ӯ дар ноинсофие ки
кардааст, хоҳад мурд+.
14 Ва ҳангоме ки Ман ба шарир гӯям: «Албатта хоҳӣ мурд», ва ӯ аз
гуноҳи худ тавба карда, аз рӯи адлу инсоф амал намояд,
15 Яъне ин шарир моли гаравиро баргардонад, баҳои он чиро, ки
дуздидааст, адо кунад, бар тибқи фароизи ҳаёт рафтор намояд, бе он
ки ноинсофие ба амал оварад, ӯ албатта зинда хоҳад монд ва нахоҳад
мурд+.
16 Ҳамаи гуноҳҳое ки ӯ кардааст, ба ёд оварда нахоҳад шуд;
модоме ки ӯ аз рӯи адлу инсоф амал намудааст, албатта зинда хоҳад
монд“.
17 Валекин писарони қавми ту мегӯянд: „Роҳи Худованд дуруст
нест“, ва ҳол он ки роҳи худашон дуруст нест.
18 Агар одил аз адолати худ баргашта, ноинсофие ба амал оварад, ӯ
аз боиси он хоҳад мурд.
19 Ва агар шарир аз шарорати худ тавба карда, аз рӯи адлу инсоф
амал намояд, ӯ аз боиси он зинда хоҳад монд.
20 Валекин шумо мегӯед: „Роҳи Худованд дуруст нест“. Ман бар
ҳар яке аз шумо, эй хонадони Исроил, мувофиқи рафтору кирдораш
доварӣ хоҳам намуд».
21 Ва чунин воқеъ шуд, ки дар соли дувоздаҳуми ҷалои ватан
шудани мо, дар рӯзи панҷуми моҳи даҳум, растагоре аз Ерусалим
назди ман омада, гуфт: «Шаҳр мусаххар шуд».
22 Ва дасти Худованд шомгоҳ, пеш аз омадани он растагор, бар ман
ниҳода шуда буд, ва Ӯ даҳони маро пеш аз он ки вай бомдодон назди
ман ояд, кушода буд; ва даҳонам кушода шуд, ва ман дигар лол
набудам+.

## Дар бораи онҳое ки каломро мешунаванд, лекин бар тибқи он рафтор намекунанд.

23 Ва каломи Худованд бар ман нозил шуда, гуфт:
24 «Эй писари одам! Сокинони ин вайронаҳои замини Исроил
сухан ронда, мегӯянд: „Иброҳим як нафар буд ва ин заминро мерос
гирифт; ва мо бисьёр ҳастем, ба мо ин замин мерос дода шудааст“+.
25 Бинобар ин ба онҳо бигӯй: „Худованд Худо чунин мегӯяд:
гӯштро бо хуни он мехӯред, ва чашмони худро сӯи бутҳои худ баланд
мекунед, ва хун мерезед, — оё ин заминро мерос хоҳед гирифт+?
26 Бар шамшери худ такья менамоед, корҳои зишт мекунед ва зани
якдигарро палид месозед, — оё ин заминро мерос хоҳед гирифт“?
27 Ба онҳо чунин бигӯй: „Худованд Худо чунин мегӯяд: ба ҳаёти
Худам қасам ки онҳое ки дар вайронаҳо мебошанд, аз шамшер
хоҳанд афтод; ва онҳоеро, ки дар саҳро ҳастанд, барои хӯрок ба
ҳайвонот хоҳам дод; ва онҳое ки дар қалъаҳо ва мағораҳо мебошанд,
аз вабо хоҳанд мурд+.
28 Ва ин заминро вайронаю валангор хоҳам гардонид, ва кибриёи
қувваташ хотима хоҳад ёфт; ва кӯҳҳои Исроил харобазор хоҳад шуд,
ба тавре ки роҳгузаре нахоҳад буд.
29 Ва хоҳанд донист, ки Ман Худованд ҳастам, вақте ки ин заминро
барои ҳамаи корҳои зиште ки кардаанд, вайронаю валангор
гардонам“+.
30 Ва ту, эй писари одам, писарони қавми ту дар сояи деворҳо ва
назди дарҳои хонаҳо дар бораи ту сухан меронанд, ва ҳар яке ба
дигаре, ҳар кас ба бародараш, сухан ронда, мегӯяд: „Биёед ва
бишнавед, ки чӣ каломе аз ҷониби Худованд берун омадааст“.
31 Ва назди ту мисли ҷамъомади қавм меоянд, ва қавми Ман ба
ҳузури ту нишаста, суханони туро мешунаванд, вале онҳоро ба ҷо
намеоваранд; зеро ки онҳо бо даҳони худ ишқбозӣ мекунанд, аммо
дилашон пайрави ҳирсашон мебошад+.
32 Ва инак, ту барои онҳо мисли суруди ишқбозӣ ҳастӣ, ки овози
хуше дорӣ ва ба хубӣ менавозӣ; ва суханонатро мешунаванд, вале
онҳоро ба ҷо намеоваранд.
33 Валекин вақте ки фаро расад, — инак, фаро мерасад, — хоҳанд
донист, ки набие андаруни онҳо буд»+.

## Нубувват дар бораи чӯпонони бевафои Исроил.

34 1 Ва каломи Худованд бар ман нозил шуда, гуфт:
2 «Эй писари одам! Дар бораи чӯпонони Исроил нубувват намо, ва нубувват намуда, ба онҳо, яъне ба чӯпонон, бигӯй: „Худованд Худо чунин мегӯяд: вой бар ҳоли чӯпонони Исроил, ки худашонро мечаронида нд! Ва ҳол он ки чӯпонон бояд рамаро чаронанд+.
3 Шумо равғани дунба мехӯрдед ва либоси пашмин мепӯшидед, гӯсфанди парвориро мекуштед, аммо рамаро намечаронидед+.
4 Камқувватонро қувват надодед, ва касалеро табобат накардед, ва шикастапойро тахтабанд накардед, ва рондашударо барнагардонидед, ва гумшударо наҷустед, ва онҳоро бо зӯроварӣ ва сангдилӣ идора намудед.
5 Ва онҳо бе чӯпон монда, пароканда шуданд, ва тӯъмае барои ҳар ҳайвони саҳро гардиданд, ва пароканда шуданд+.
6 Гӯсфандони Ман бар ҳамаи кӯҳҳо ва бар ҳар теппа овора шуда гаштаанд; ва бар тамоми рӯи замин гӯсфандони Ман пароканда шудаанд, ва касе аҳволи онҳоро намепурсад ва онҳоро ҷустуҷӯ намекунад.
7 Бинобар ин, эй чӯпонон, каломи Худовандро бишнавед.
8 Ба ҳаёти Худам қасам ки, мегӯяд Худованд Худо, азбаски гӯсфандони Ман ба тороҷ дода шудаанд, ва гӯсфандони Ман бе чӯпон монда, тӯъмае барои ҳар ҳайвони саҳро гардидаанд, ва чӯпонони Ман аҳволи рамаи Маро напурсидаанд, ва чӯпонони Ман худашонро чаронидаанд, валекин рамаи Маро начаронидаанд,+
9 Бинобар ин, эй чӯпонон, каломи Худовандро бишнавед+.
10 Худованд Худо чунин мегӯяд: инак Ман ба чӯпонон зид ҳастам, ва рамаи Худро аз дасти онҳо хоҳам талабид, ва онҳоро аз чаронидани рама дур хоҳам кард, ва он чӯпонон худашонро дигар нахоҳанд чаронид; ва рамаи Худро аз даҳони онҳо раҳо хоҳам намуд, ва тӯъмае барои онҳо нахоҳанд буд.

## Салтанати Исроил ва тахти Довуд аз нав бароқарор хоҳад шуд.

11 Зеро ки Худованд Худо чунин мегӯяд: инак Ман Худам
гӯсфандони Худро хоҳам талабид ва аз аҳволашон хабар хоҳам
гирифт;+
12 Чунон ки чӯпон аз аҳволи рамаи худ хабар мегирад, дар он рӯзе
ки дар миёни гӯсфандони парокандаи худ мебошад, ончунон Ман аз
аҳволи гӯсфандони Худ хабар хоҳам гирифт, ва онҳоро аз ҳар ҷое ки
дар рӯзи абру меғ пароканда шуда буданд, раҳо хоҳам кард+.
13 Ва онҳоро аз миёни қавмҳо берун хоҳам овард, ва аз кишварҳо
ҷамъ хоҳам кард, ва ба замини худашон хохам овард, ва бар кӯҳҳои
Исроил, дар рӯдхонаҳо ва дар ҳамаи ободониҳои ин замин хоҳам
чаронид+.
14 Дар чарогоҳи хуб онҳоро хоҳам чаронид, ва қӯраи онҳо бар
кӯҳҳои баланди Исроил хоҳад буд; он ҷо онҳо дар қӯраи хубе хоҳанд
хобид, ва дар чарогоҳи сералаф бар кӯҳҳои Исроил хоҳанд чарид+.
15 Ман гӯсфандони Худро хоҳам чаронил ва Ман онҳоро хоҳам
хобонид, мегӯяд Худованд Худо.
16 Гумшударо хоҳам ҷуст, ва рондашударо хоҳам баргардонид, ва
шикастапойро тахтабанд хоҳам кард, ва касалро қувват хоҳам дод, ва
фарбеҳу зӯроварро нест хоҳам кард; аз рӯи инсоф хоҳам чаронид+.
17 Ва ба шумо, эй гӯсфандони Ман, Худованд Худо чунин мегӯяд:
инак Ман дар миёни гӯсфанд ва гӯсфанд, бар қӯчқорон ва бар
нарбузон доварӣ хоҳам намуд+.
18 Оё барои шумо кам аст, ки бар чарогоҳи хуб чарида, бақияи
чарогоҳи худро бо пойҳои худ поймол мекунед? Ва оби
таҳнишиншударо нӯшида, бақияи онро бо пойҳои худ лой мекунед,
19 Ба тавре ки гӯсфандони Ман бар он чи зери пойҳои шумо
поймол шудааст, мечаранд, ва он чиро, ки аз пойҳои шумо лой
шудааст, менӯшанд?
20 Бинобар ин Худованд Худо ба онҳо чунин мегӯяд: инак Ман
Худам дар миёни гӯсфанди фарбеҳ ва гӯсфанди лоғар доварӣ хоҳам
намуд.
21 Азбаски шумо бо паҳлу ва китфи худ тела медиҳед, ва бо
шохҳотон ҳамаи камқувватонро мезанед, то даме ки онҳоро берун

бароред,+
[22] Пас Ман гӯсфандони Худро наҷот хоҳам дод, ва онҳо дигар ба
тороҷ дода нахоҳанд шуд; ва дар миёни гӯсфанд ва гӯсфанд доварӣ
хоҳам намуд.
[23] Ва як чӯпонро бар онҳо хоҳам гузошт, ва ӯ онҳоро хоҳад
чаронид, яъне бандаи Худ Довудро; ӯ онҳоро хоҳад чаронид, ва ӯ
чӯпони онҳо хоҳад шуд+.
[24] Ва Ман, ки Худованд ҳастам, Худои онҳо хоҳам буд, ва бандаи
Ман Довуд андаруни онҳо раис хоҳад буд; Ман, ки Худованд ҳастам,
гуфтам+.
[25] Ва барои онҳо аҳди сулҳу осоиштагӣ хоҳам баст, ва ҳайвоноти
даррандаро аз ин замин нест хоҳам кард, ва онҳо дар биёбон дар
амният сокин хоҳанд шуд, ва дар ҷангалҳо хоҳанд хобид+.
[26] Ва ба онҳо ва ба атрофи теппаи Худ баракат хоҳам бахшид, ва
боронро дар мавсимаш хоҳам боронид: боронҳои баракат хоҳад буд+.
[27] Ва дарахти саҳро бори худро хоҳад овард, ва замин ҳосили
худро хоҳад дод, ва онҳо бар замини худ дар амният хоҳанд буд, ва
хоҳанд донист, ки Ман Худованд ҳастам, вақте ки чӯбҳои юғи онҳоро
дарҳам шиканам, ва онҳоро аз дасти ғуломкунандагонашон
бираҳонам+.
[28] Ва онҳо дигар ба тороҷи халқҳо дода нахоҳанд шуд, ва
ҳайвоноти замин онҳоро нахоҳанд хӯрд, ва дар амният сокин хоҳанд
шуд, ва касе онҳоро ба ҳарос нахоҳад андохт.
[29] Ва барои онҳо боғистони номие барпо хоҳам кард, ва дигар дар
ин замин аз қаҳтӣ нобуд нахоҳанд шуд, ва дигар бори нанги
халқҳоро нахоҳанд бардошт.
[30] Ва хоҳанд донист, ки Ман — Худованд Худои онҳо — бо онҳо
ҳастам, ва онҳо, хонадони Исроил, қавми Ман мебошанд, мегӯяд
Худованд Худо.
[31] Ва шумо рамаи Ман, гӯсфандони чарогоҳи Ман ҳастед, шумо
одамизод ҳастед; Ман Худои шумо мебошам, мегӯяд Худованд
Худо“»+.

## Нубувват дар бораи кӯҳи Сеир.

35 [1] Ва каломи Худованд бар ман нозил шуда, гуфт:
[2] «Эй писари одам! Рӯи худро ба самти кӯҳи Сеир бигардон
ва дар ҳаққи он нубувват намо,+
[3] Ва ба он бигӯй: „Худованд Худо чунин мегӯяд:
инак Ман ба ту, эй кӯҳи Сеир, зид ҳастам,
ва дасти Худро бар ту дароз карда,
туро вайронаю валангор хоҳам сохт+.
[4] Шаҳрҳоятро ба харобазор табдил хоҳам дод,
ва ту валангор хоҳӣ шуд,
ва хоҳӣ донист, ки Ман Худованд ҳастам+.
[5] Азбаски ту адовати доимӣ доштӣ, ва банӣ-Исроилро дар вақти
мусибаташон, дар ниҳояти гуноҳашон ба дами шамшер несту нобуд
кардӣ,+
[6] Бинобар ин ба ҳаёти Худам қасам ки, мегӯяд Худованд Худо,
туро ғарқи хун хоҳам кард, ва хун туро таъқиб хоҳад намуд; модоме
ки адовати ту ташнаи хун буд, аз ин рӯ хун туро таъқиб хоҳад
намуд+.
[7] Ва кӯҳи Сеирро вайронаю валангор хоҳам сохт, ва равандаю
ояндаро аз он нест хоҳам кард.
[8] Ва кӯҳҳои онро аз мақтулони он пур хоҳам кард; дар теппаҳо ва
дараҳо ва ҳамаи рӯдхонаҳои ту мақтулони шамшер хоҳанд афтод.
[9] Туро ба харобазори абадӣ табдил хоҳам дод, ва шаҳрҳои ту
маскун нахоҳад шуд; ва хоҳед донист, ки Ман Худованд ҳастам.
[10] Азбаски ту гуфтӣ: «Ин ду халқ ва ин ду кишвар аз они ман хоҳад
шуд, ва онро тасарруф хоҳем кард», ва ҳол он ки Худованд он ҷо буд,
[11] Бинобар ин ба ҳаёти Худам қасам ки, мегӯяд Худованд Худо, ба
андозаи хашм ва ҳасаде ки ту дар адовати худ нисбат ба онҳо нишон
додаӣ, бо ту амал хоҳам кард, ва Худро ба онҳо зоҳир хоҳам сохт,
вақте ки бар ту доварӣ намоям,+
[12] Ва хоҳӣ донист, ки Ман, ки Худованд ҳастам, ҳамаи дашномҳои
туро, ки дар ҳаққи кӯҳҳои Исроил ба забон рондӣ, шунидаам, яъне
гуфтӣ: «Валангор шудааст! Барои хӯрдани мо дода шудааст!»+
[13] Ва шумо бо даҳони худ бар Ман такаббур намудед ва суханони
худро бар зидди Ман мағрурона афзун кардед, ва Ман шунидаам.

[14] Худованд Худо чунин мегӯяд: дар сурате ки тамоми дуньё шодӣ
мекунад, Ман туро валангор хоҳам сохт.
[15] Чунон ки ту бар мероси хонадони Исроил, вақте ки он валангор
шуд, шодӣ кардӣ, ончунон Ман бо ту амал хоҳам намуд; кӯҳи Сеир ва
тамоми Адӯм саросар валангор хоҳад шуд, ва хоҳанд донист, ки Ман
Худованд ҳастам“»+.

## Мурочиат ба кӯҳҳои Исроил; онҳо аз нав маскун хоҳанд шуд.

# 36

[1] «Ва ту, эй писари одам, дар бораи кӯҳҳои Исроил нубуваат
намо ва бигӯй: эй кӯҳҳои Исроил! Каломи Худовандро
бишнавед+.
[2] Худованд Худо чунин мегӯяд: азбаски душман дар ҳаққи шумо
мегӯяд: „Ҳай-ҳай! Баландиҳои қадимӣ ҳам мероси мо шудааст“,
[3] Бинобар ин нубувват намо ва бигӯй: Худованд Худо чунин
мегӯяд: азбаски шуморо валангор кардаанд ва аз ҳар ҷониб мехоҳанд
фурӯ баранд, то ки мероси бақияи халқҳо шуда, вирди забон ва
мавриди бӯҳтони мардум гардед,
[4] Бинобар ин, эй кӯҳҳои Исроил, каломи Худованд Худоро
бишнавед: Худованд Худо ба кӯҳҳо ва теппаҳо, ба рӯдхонаҳо ва
дараҳо, ба вайронаҳои хало ва шаҳрҳои матрук, ки гирифтори тороҷ
ва мавриди тамасхури бақияи халқҳои гирду атроф гардидаанд,
чунин мегӯяд, —+
[5] Бинобар ин Худованд Худо чунин мегӯяд: Ман бо оташи рашки
Худ дар ҳаққи бақияи халқҳо ва дар ҳаққи тамоми Адӯм сухан
рондаам, ки онҳо замини Маро бо шодии ҳар дил ва бо нафрати амиқ
мероси худ гардонидаанд, то ки чарогоҳҳои онро ба тороҷ диҳанд+.
[6] Бинобар ин дар бораи замини Исроил нубувват намо, ва ба кӯҳҳо
ва теппаҳо, ба рӯдхонаҳо ва дараҳо бигӯй: Худованд Худо чунин
мегӯяд: инак Ман дар рашк ва хашми Худ сухан рондаам, чунки
шумо бори нанги халқҳоро бардоштаед.
[7] Бинобар ин Худованд Худо чунин мегӯяд: Ман дасти Худро
бардоштаам, ки халқҳое ки дар гирду атрофи шумо ҳастанд, худашон
бори нанги худро хоҳанд бардошт.
[8] Ва шумо, эй кӯҳҳои Исроил, шохаҳои худро хоҳед рӯёнид ва
меваҳои худро барои қавми Ман — Исроил — хоҳед овард, зеро ки
онҳо ба қарибӣ хоҳанд омад.
[9] Зеро инак Ман сӯи шумо назар дӯхтаам, ва ба шумо рӯ меоварам,
ва шумо шудгор ва кишт карда хоҳед шуд.
[10] Ва Ман бар шумо мардуми бисьёрро, — тамоми хонадони
Исроилро саросар, — сокин хоҳам кард, ва шаҳрҳо маскун, ва
харобаҳо ободхоҳад шуд+.

11 Ва бар шумо одамон ва ҳайвонотро афзун хоҳам намуд, ва онҳо
афзун ва боровар хоҳанд шуд; ва шуморо мисли айёми пештараатон
маскун хоҳам кард, ва бар шумо бештар аз замони аввалаи шумо
таваҷҷӯҳ хоҳам намуд, ва хоҳед донист, ки Ман Худованд ҳастам+.
12 Ва одамонро, яъне қавми Худ — Исроилро, сӯи шумо равона
хоҳам кард, ва онҳо туро тасарруф хоҳанд намуд, ва ту мероси онҳо
хоҳӣ шуд, ва дигар ин фарзандони худро талаф нахоҳӣ кард+.
13 Худованд Худо чунин мегӯяд: азбаски ба шумо мегӯянд: „Ту
мардумхӯр ҳастӣ ва халқҳои худро талаф мекардӣ“,+
14 Бинобар ин минбаъд мардумхӯр нахоҳӣ буд, ва халқҳоятро
дигар талаф нахоҳӣ кард, мегӯяд Худованд Худо.
15 Ва Ман дигар таҳқири халқҳоро ба ту нахоҳам шунавонид, ва
бори нанги халқҳоро ту дигар нахоҳӣ бардошт, ва халқҳоятро дигар
талаф нахоҳӣ кард, мегӯяд Худованд Худо».

## Дар бораи гуноҳҳои пештараи Исроил ва дар оянда аз нав баркарор шудани вай.

16 Ва каломи Худованд бар ман нозил шуда, гуфт:
17 «Эй писари одам! Ҳангоме ки хонадони Исроил бар замини худ
сокин буданд, онро бо рафтор ва кирдори худ палид сохтанд;
рафтори онҳо дар назари Ман мисли палидии ҳайз буд+.
18 Ва Ман аз боиси хуне ки онҳо бар замин рехтанд, ва онро бо
бутҳои худ палид сохтанд, хашми Худро бар онҳо фурӯ рехтам+.
19 Ва онҳоро дар миёни халқҳо пароканда кардам, ва онҳо дар
кишварҳо парешон шуданд; бар тибқи рафтор ва кирдорашон Ман
бар онҳо доварӣ намудам+.
20 Ва ҳангоме ки онҳо назди халқҳое расиданд, ки ба он ҷо рафта
буданд, исми муқаддаси Маро беҳурмат карданд, чунки дар ҳаққи
онҳо мегуфтанд: „Инҳо қавми Худованд ҳастанд ва аз замини Ӯ
берун омадаанд“.
21 Ва Ман ба исми муқаддаси Худ афсӯс хӯрдам, ки онро хонадони
Исроил дар миёни халқҳое ки наздашон омада буданд, беҳурмат
карданд+.
22 Бинобар ин ба хонадони Исроил бигӯй: „Худованд Худо чунин
мегӯяд: на ба хотири шумо, эй хонадони Исроил, инро ба амал

меоварам, балки ба хотири исми муқаддаси Худ, ки онро дар миёни
халқҳое ки наздашон омада будед, беҳурмат кардед.
23 Ва Ман исми бузурги дар миёни халқҳо беҳурматшудаи Худро,
ки шумо онро андаруни онҳо беҳурмат кардед, тақдис хоҳам намуд,
ва ҳангоме ки дар пеши назари халқҳо ба воситаи шумо тақдис ёбам,
онҳо хоҳанд донист, ки Ман Худованд ҳастам+.
24 Ва шуморо аз миёни халқҳо хоҳам гирифт, ва шуморо аз ҳамаи
кишварҳо ҷамъ хоҳам кард, ва шуморо ба замини шумо хоҳам
овард+.
25 Ва оби пок бар шумо хоҳам пошид, ва шумо пок хоҳед шуд; аз
ҳамаи палидиҳотон ва аз ҳамаи бутҳотон шуморо пок хоҳам кард+.
26 Ва дили тоза ба шумо хоҳам дод, ва рӯҳи тоза андаруни шумо
хоҳам ниҳод; ва дили сангинро аз ҷисми шумо дур хоҳам кард, ва
дили гӯштин ба шумо хоҳам бахшид+.
27 Ва рӯҳи Худро андаруни шумо хоҳам ниход, ва шуморо водор
хоҳам намуд, ки бар тибқи фароизи Ман рафтор кунед, ва дастурҳои
Маро риоя намоед ва ба ҷо оваред+.
28 Ва дар замине ки ба падарони шумо додаам, сукунат хоҳед
дошт, ва қавми Ман хоҳед буд, ва Ман Худои шумо хоҳам буд+.
29 Ва шуморо аз ҳамаи палидиҳои шумо наҷот хоҳам дод; ва
ғалладонаро хонда, онро фаровон хоҳам гардонид, ва шуморо ба
қаҳтӣ гирифтор нахоҳам кард+.
30 Ва меваи дарахтон ва ҳосили саҳроро афзун хоҳам кард, то ки
дигар дар миёни халқҳо бори нанги қаҳтиро набардоред+.
31 Ва ҳангоме ки рафтори бади худ ва кирдори зишти худро ба ёд
оваред, барои гуноҳҳо ва каҷкориҳои худ аз худатон нафрат пайдо
хоҳед кард+.
32 Бидонед, ки Ман инро на ба хотири шумо ба амал меоварам,
мегӯяд Худованд Худо; аз рафтори худ шарм кунед ва хиҷил шавед,
эй хонадони Исроил!
33 Худованд Худо чунин мегӯяд: дар рӯзе ки шуморо аз ҳамаи
гуноҳҳотон пок намоям, Ман шаҳрҳоро маскун хоҳам гардонид, ва
харобаҳо обод хоҳад шуд;
34 Ва замини харобае ки дар назари ҳар раҳгузар вайронаю
валангор буд, кор карда хоҳад шуд;

35 Ва хоҳанд гуфт: «Ин замине ки хароба буд, мисли боғи Адан
шудааст, ва ин шаҳрҳое ки хароба ва вайронаю валангор буд,
ҳисордор ва маскун гардидааст»+.
36 Ва халқҳое ки дар гирду пеши шумо боқӣ мондаанд, хоҳанд
донист, ки Ман, ки Худованд ҳастам, вайронаҳоро бино кардаам, ва
харобазорро дарахт шинонидаам; Ман, ки Худованд ҳастам, гуфтам
ва ба амал овардам.
37 Худованд Худо чунин мегӯяд: боз инро хонадони Исроил аз Ман
дархост хоҳанд кард, ки барояшон ба амал оварам: онҳоро мисли
рамаи одамон афзун хоҳам кард, —+
38 Мисли рамаи қурбонӣ, мисли рамаи Ерусалим дар рӯзҳои иди
он; ҳамчунин шаҳрҳои хароба аз рамаи одамон пур хоҳад шуд, ва
хоҳанд донист, ки Ман Худованд ҳастам“»+.

## Рӯъёи даштрӯяе ки аз устухонҳои мурдагон пур буд.

**37** [1] Дасти Худованд бар ман ниҳода шуд, ва маро дар рӯҳи
Худованд берун овард, ва маро андаруни даштрӯя гузошт, ва он
аз устухонҳо пур буд+.
[2] Ва маро гирдогирди онҳо гардонид; ва инак онҳо бар рӯи
даштрӯя бағоят бисьёр буд, ва инак онҳо бағоят хушк буд.
[3] Ва ба ман гуфт: «Эй писари одам! Оё ин устухонҳо зинда хоҳад
шуд?» Ва ман гуфтам: «Худоё Худовандо! Инро Ту медонӣ»+
[4] Ва ба ман гуфт: «Дар бораи ин устухонҳо нубуввват намо, ва ба
онҳо бигӯй: „эй устухонҳои хушк, каломи Худовандро бишнавед!
[5] Худованд Худо ба ин устухонҳо чунин мегӯяд: инак Ман рӯҳ дар
шумо дохил мекунам, ва шумо зинда хоҳед шуд+.
[6] Ва пайҳо бар шумо ба вуҷуд меоварам, ва гӯшт бар шумо
мерӯёнам, ва пӯст бар шумо мепӯшонам, ва рӯҳ дар шумо дохил
мекунам, ва шумо зинда хоҳед шуд, ва хоҳед донист, ки Ман
Худованд ҳастам“».
[7] Ва ман нубуввват намудам, чунон ки ба ман амр фармуда шуд; ва
ҳангоме ки нубуввват намудам, садое баромад, ва инак ғулғулае ба
амал омад, ва устухонҳо ба ҳамдигар, яъне ҳар устухон ба устухони
худаш, наздик омад.
[8] Ва ман дидам, ва инак пайҳо бар онҳо пайдо шуд, ва гӯшт
баромад, ва пӯст онҳоро аз боло пӯшонид, вале рӯҳ дар онҳо набуд.
[9] Ва ба ман гуфт: «Ба рӯҳ нубуввват намо, эй писари одам, нубуввват
намо, ва ба рӯҳ бигӯй: „Худованд Худо чунин мегӯяд: аз ҷониби чор
бод биё, эй рӯҳ, ва ба ин мақтулон бидам, ва онҳо зинда хоҳанд
шуд“».

## Эзоҳи ин рӯъё.

[10] Ва ман нубуввват намудам, чунон ки ба ман амр фармуда шуд; ва
рӯҳ дар онҳо дохил шуд, ва онҳо зинда шуданд, ва бар пойҳои худ
истоданд, ба сони лашкари бағоят, бағоят бузург+.
[11] Ва ба ман гуфт: «Эй писари одам! Ин устухонҳо тамоми
хонадони Исроил мебошанд. Инак, онҳо мегӯянд: „Устухонҳои мо
хушк шуд, ва умеди мо барбод рафт; мо маҳв шудаем“.

12 Бинобар ин нубувват намо ва ба онҳо бигӯй: „Худованд Худо
чунин мегӯяд: инак Ман қабрҳои шуморо мекушоям, ва шуморо, эй
қавми Ман, аз қабрҳотон мебарорам, ва шуморо ба замини Исроил
меоварам,+
13 Ва хоҳед донист, ки Ман Худованд ҳастам, вақте ки қабрҳои
шуморо бикшоям ва шуморо, эй қавми Ман, аз қабрҳотон барорам.
14 Ва рӯҳи Худро дар шумо дохил хоҳам кард, ва шумо зинда хоҳед
шуд, ва шуморо дар заминатон ҷой хоҳам дод, ва хоҳед донист, ки
Ман, ки Худованд ҳастам, гуфтам ва ба амал овардам, мегӯяд
Худованд“»+.

## Рӯъёи ду чӯбдаст.

15 Ва каломи Худованд бар ман нозил шуда, гуфт:
16 «Ва ту, эй писари одам, чӯбдасте барои худ бигир, ва бар он
бинавис: „Барои Яҳудо ва барои банӣ-Исроил, ки ба ӯ ҳамроҳ
шудаанд“. Ва чӯбдасти дигаре бигир, ва бар он бинавис: „Барои
Юсуф“; ин чӯбдаст аз они Эфроим ва тамоми хонадони Исроил аст,
ки ба ӯ ҳамроҳ шудаанд.
17 Ва онҳоро ба якдигар наздик кун, то ки барои ту мисли як
чӯбдаст бошанд; ва онҳо дар дасти ту якто хоҳанд буд.
18 Ва ҳангоме ки писарони қавмат ба ту савол дода, гӯянд: „Шояд
ба мо бигӯӣ, ки инҳо барои ту чӣ маъно дорад?“ —+
19 Ба онҳо бигӯй: „Худованд Худо чунин мегӯяд: инак Ман
чӯбдасти Юсуфро, ки дар дасти Эфроим ва сибтҳои Исроили
ҳамроҳонаш мебошад, хоҳам гирифт, ва онҳоро бар он, яъне бар
чӯбдасти Яҳудо хоҳам пайваст, ва онҳоро як чӯбдаст хоҳам гардонид,
ва онҳо дар дасти Ман якто хоҳанд буд“+.
20 Ва чӯбдастҳо, ки бар онҳо хоҳӣ навишт, бигзор пеши назари
онҳо дар дасти ту бошад.
21 Ва ба онҳо бигӯй: „Худованд Худо чунин мегӯяд: инак Ман банӣ-
Исроилро аз миёни халқҳое ки онҳо наздашон рафтаанд, хоҳам
гирифт, ва онҳоро аз ҳар ҷо ҷамъ хоҳам кард, ва онҳоро ба
заминашон хоҳам овард+.
22 Ва онҳоро дар ин замин, бар кӯҳҳои Исроил, ба як халқ табдил
хоҳам дод, ва як подшоҳ барои ҳамаи онҳо подшоҳӣ хоҳад кард; ва

онҳо дигар ду халқ нахоҳанд буд, ва дигар ба ду мамлакат тақсим
нахоҳанд шуд.
[23] Ва худро дигар бо бутҳошон ва бо қабоҳатҳошон ва бо ҳар гуна
ҷиноятҳошон палид нахоҳанд сохт, ва Ман онҳоро аз ҳамаи
иқоматгоҳҳошон, ки дар он ҷо гуноҳ кардаанд, наҷот хоҳам дод, ва
онҳоро пок хоҳам кард, ва онҳо қавми Ман хоҳанд буд, ва Ман Худои
онҳо хоҳам буд+.
[24] Ва бандаи Ман Довуд подшоҳи онҳо хоҳад буд, ва як чӯпон
барои ҳамаи онҳо хоҳад буд, ва бар тибқи дастурҳои Ман рафтор
хоҳанд кард, ва фароизи Маро риоя хоҳанд намуд ва онҳоро ба ҷо
хоҳанд овард+.
[25] Ва дар замине ки Ман ба бандаи Худ Яъқуб додаам, ва
падаронашон дар он сокин буданд, маскан хоҳанд гирифт; ва онҳо ва
писаронашон ва писарони писаронашон дар он то абад сукунат
хоҳанд дошт, ва бандаи Ман Довуд то абад раиси онҳо хоҳад буд+.
[26] Ва Ман бо онҳо аҳди сулҳу осоиштагӣ хоҳам баст, ки бо онҳо
аҳди ҷовидонӣ хоҳад буд; ва онҳоро баракат дода, афзун хоҳам
намуд, ва хонаи муқаддаси Худро андаруни онҳо то абад барқарор
хоҳам кард+.
[27] Ва маскани Ман бар онҳо хоҳад буд, ва Ман Худои онҳо хоҳам
буд, ва онҳо қавми Ман хоҳанд буд+.
[28] Ва халқҳо хоҳанд донист, ки Ман Худованде ҳастам, ки
Исроилро тақдис менамоям, вақте ки хонаи муқаддаси Ман
андаруни онҳо то абад барқарор гардад“»+.

## Нубувват дар борои Ҷуҷ.

**38** 1 Ва каломи Худованд бар ман нозил шуда, гуфт:
2 «Эй писари одам! Рӯи худро ба самти Ҷуҷ, ки дар замини
Моҷуҷ сарраиси Мошак ва Тубол аст, бигардон, ва дар бораи ӯ
нубувват намо+.
3 Ва бигӯй: „Худованд Худо чунин мегӯяд: инак Ман ба ту, эй Ҷуҷ,
сарраиси Мошак ва Тубол, зид ҳастам.
4 Ва Ман туро густох хоҳам сохт, ва сӯлуқ дар ҷоғҳоят хоҳам
андохт; ва туро бо тамоми лашкарат берун хоҳам овард, бо аспон ва
савороне ки ҳамаашон либосҳои зебо пӯшида бошанд, бо ҷамоати
сершуморе ки ҳамаашон ҷавшан ва сипар дошта, бо шамшерҳо
мусаллаҳ бошанд;+
5 Форс, Хабаш ва Фут бо онҳо буда, ҳамаашон сипар ва хӯд дошта
бошанд;+
6 Ҷумар бо ҳамаи фавҷҳояш, хонадони Туҷарма, ақсои шимол бо
ҳамаи фавҷҳояш, — қавмҳои бисьёр ҳамроҳи ту бошанд+.
7 Омода ва тайёр бош, — ту ва тамоми ҷамоате ки назди ту ҷамъ
шудаанд; ва онҳо туро посбонӣ хоҳанд кард.
8 Баъд аз айёми зиёде тафаққуд карда хоҳӣ шуд; дар солҳои охир
ту ба замине хоҳӣ омад, ки он аз шамшер фориғ гардида, аз миёни
қавмҳои бисьёр бар кӯҳҳои Исроил, ки ҳамеша харобазор буданд,
ҷамъ карда шудааст, ва он аз миёни қавмҳо берун оварда шудааст, ва
ҳамаашон дар амният сукунат доранд+.
9 Ва баромада, мисли тундбоде хоҳӣ омад, мисли абре ин заминро
хоҳӣ пӯшонид, — ту ва ҳамаи фавҷҳоят, ва халқҳои бисьёре ҳамроҳи
ту+.
10 Худованд Худо чунин мегӯяд: дар он рӯз чунин воқеъ хоҳад
шуд, ки фикрҳо дар дилат пайдо шуда, ту тадбири баде хоҳӣ
андешид,
11 Ва хоҳӣ гуфт: «Ба замини беҳисоре мебароям, бар касони
осоиштае ки дар амният сокин буда, ҳамаашон бе ҳисоре зиндагӣ
мекунанд ва ғалақаю дарвоза надоранд», —+
12 То ки толону тороҷ намоӣ ва ғанимат бигирӣ, ва дасти худро ба
харобаҳои аз нав ободшуда ва ба қавми аз миёни халқҳо ҷамъомадае

ки соҳиби чорво ва молу мулк гардидаанд ва бар қуллаи замин
сукунат доранд, дароз кунӣ.
13 Шабо ва Дадон ва тоҷирони Таршиш ва ҳамаи шерони ҷавони он
ба ту хоҳанд гуфт: «Оё ту барои толону тороҷ омадаӣ, ва оё барои
гирифтани ғанимат ҷамоати худро ҷамъ кардаӣ, то ки нуқра ва
тиллоро бирабоӣ, чорво ва молу мулкро бигирӣ, ва ғанимати бузурге
ба даст оварӣ?»“+
14 Бинобар ин, эй писари одам, нубувват намо, ва ба Ҷуҷ бигӯй:
„Худованд Худо чунин мегӯяд: дар он рӯз, охир, вақте ки қавми Ман
— Исроил — дар амният сокин бошанд, ту инро хоҳӣ донист,
15 Ва аз макони худ, аз ақсои шимол хоҳӣ омад, — ту ва қавмҳои
бисьёр ҳамроҳи ту, ки ҳамаашон аспсавор, ҷамоати бузург ва
лашкари сершумор мебошанд.
16 Ва бар қавми Ман — Исроил — мисли абре ки заминро
мепӯшонад, хоҳӣ баромад; ин дар айёми охирин рӯй хоҳад дод, ва
Ман туро ба замини Худ хоҳам овард, то ки халқҳо Маро бидонанд,
вақте ки ба воситаи ту, эй Ҷуҷ, Худро дар пеши назари онҳо тақдис
намоям+.
17 Худованд Худо чунин мегӯяд: оё ту он кас нестӣ, ки дар айёми
қадим ман ба воситаи бандагони Худ, — анбиёи Исроил, ки дар он
айём солҳои бисьёр нубувват мекарданд, — дар хусуси ту гуфта
будам, ки туро бар онҳо хоҳам овард+?
18 Ва дар он рӯз, яъне дар рӯзе ки Ҷуҷ ба замини Исроил биёяд,
чунин воқеъ хоҳад шуд, мегӯяд Худованд Худо, ки ғазаби Ман дар
ҳини қаҳри Ман аланга хоҳад гирифт.
19 Ва Ман дар рашки Худ ва дар оташи Худ гуфтаам, ки албатта дар
он рӯз зилзилаи бузурге дар замини Исроил рӯй хоҳад дод+.
20 Ва моҳиёни дарьё ва мурғони ҳаво ва ҳайвоноти саҳро, ва ҳамаи
хазандагоне ки бар замин мехазанд, ва ҳар одаме ки бар рӯи замин
аст, ба ҳузури Ман хоҳанд ларзид, ва кӯҳҳо хароб хоҳад шуд, ва
сахраҳо фурӯ хоҳад ғалтид, ва ҳар ҳисор бар замин хоҳад афтод+.
21 Ва шамшере ба зидди ӯ бар кӯҳҳои Худ хоҳам хонд, мегӯяд
Худованд Худо; ва шамшери ҳар кас ба муқобили бародараш хоҳад
буд+.
22 Ва бо вабо ва хун ӯро сазо хоҳам дод, ва бар ӯ ва фавҷҳояш ва бар
қавмҳои бисьёре ки бо ӯ мебошанд, борони сел ва жолаи сангин ва

оташ ва кибрит хоҳам боронид+.
23 Ва Ман дар пеши назари халқҳои бисьёр бузургӣ ва қудсият ва шӯҳрат пайдо хоҳам кард, ва хоҳанд донист, ки Ман Худованд ҳастам“+.

## Давоми он.

**39** 1 Ва ту, эй писари одам, дар бораи Ҷуҷ нубувват намо ва бигӯй: „Худованд Худо чунин мегӯяд: инак Ман ба ту, эй сарраиси Мошак ва Тубол, зид ҳастам+.

2 Ва Ман туро густох хоҳам сохт, ва туро ба ҷунбиш хоҳам овард, ва туро аз ақсои шимол бароварда, бар кӯҳҳои Исроил хоҳам овард+.

3 Ва камони туро аз дасти чапат зада бароварда, тири туро аз дасти ростат хоҳам афтонид+.

4 Бар кӯҳҳои Исроил фурӯ хоҳӣ ғалтид, — ту, ва ҳамаи фавҷҳоят, ва қавмҳое ки бо ту мебошанд; туро ба ҳар навъ мурғони соҳибчангол ва ҳайвоноти саҳро барои хӯрок хоҳам дод+.

5 Бар рӯи саҳро фурӯ хоҳӣ ғалтид, зеро ки Ман гуфтам, мегӯяд Худованд Худо.

6 Ва бар Моҷуҷ ва бар онҳое ки дар ҷазираҳо дар амният сукунат доранд, оташе хоҳам фиристод, ва хоҳанд донист, ки Ман Худованд ҳастам+.

7 Ва исми муқаддаси Худро андаруни қавми Худ — Исроил — зоҳир хоҳам сохт, ва дигар нахоҳам гузошт, ки исми муқаддаси Маро беҳурмат кунанд; ва халқҳо хоҳанд донист, ки Ман Худованди Қуддуси Исроил ҳастам+.

8 Инак, ин фаро мерасад ва ба амал меояд, мегӯяд Худованд Худо, ин ҳамон рӯз аст, ки дар бораи он Ман сухан рондаам.

9 Ва сокинони шаҳрҳои Исроил берун хоҳанд омад, ва оташ даргиронида, яроқро: сипарҳо, ҷавшанҳо, камонҳо, тирҳо, калтакҳо ва найзаҳоро хоҳанд сӯзонид, ва ҳафт сол оташро бо онҳо давом хоҳанд дод+.

10 Ва аз саҳро ҳезум нахоҳанд овард, ва аз ҷангалҳо нахоҳанд бурид, зеро ки бо яроқ оташро хоҳанд даргиронид; ва ғораткунандагони худро ғорат хоҳанд кард, ва тороҷкунандагони худро тороҷ хоҳанд кард, мегӯяд Худованд Худо+.

11 Ва дар он рӯз чунин воқеъ хоҳад шуд: мавзее дар он ҷо барои қабр дар Исроил, яъне дараи Аборимро ба тарафи шарқии баҳр ба Ҷуҷ хоҳам дод, ва он барои раҳгузарон садди роҳ хоҳад шуд, ва дар он ҷо Ҷуҷ ва тамоми анбӯҳи ӯро дафн хоҳанд намуд, ва онро «Дараи анбӯҳи Ҷуҷ» хоҳанд номид.

[12] Ва хонадони Исроил онҳоро дар давоми ҳафт моҳ дафн хоҳанд
намуд, то ки заминро тоза кунанд.
[13] Ва тамоми қавми замин онҳоро дафн хоҳанд намуд, ва он рӯзе
ки Ман ҷалол ёбам, барояшон рӯзи тазаккур хоҳад буд.
[14] Ва шахсони доимие таъин хоҳанд намуд, ки дар замин гардиш
кунанд ва бо мадади раҳгузарон онҳоеро, ки бар рӯи замин боқӣ
мондаанд, дафн намоянд, то ки онро тоза кунанд; баъд аз гузаштани
ҳафт моҳ онҳо ба ҷустуҷӯ шурӯъ хоҳанд намуд.
[15] Ва чун касе аз онҳое ки дар замин гардиш мекунанд, устухони
одамро бинад, нишоне назди он хоҳад гузошт, то ки дафнкунандагон
онро дар дараи анбӯҳи Ҷуҷ дафн намоянд.
[16] Ва номи шаҳр низ Ҳамуна* хоҳад буд; пас заминро тоза хоҳанд
кард.“
[17] Ва ту, эй писари одам, — Худованд Худо чунин мегӯяд: — ба ҳар
навъ мурғон ва ба тамоми ҳайвоноти саҳро бигӯй: „Ҷамъ шуда биёед,
аз ҳар тараф назди қурбонии Ман, ки онро ҳамчун қурбонии бузурге
барои шумо бар кӯҳҳои Исроил забҳ менамоям, ғун шавед, то ки
гӯшт бихӯред ва хун бинӯшед+.
[18] Гӯшти зӯроваронро хоҳед хӯрд ва хуни раисони заминро хоҳед
нӯшид: қӯчқорон, баррагон, нарбузон ва говон, ки ҳамаашон
парвориёни Бошон мебошанд+.
[19] Ва аз қурбонии Ман, ки барои шумо забҳ менамоям, то серӣ
равғани дунба хоҳед хӯрд ва то мастӣ хун хоҳед нӯшид.
[20] Ва дар сари суфраи Ман аз аспон ва саворон, аз зӯроварон ва ҳар
навъ мардони ҷангӣ сер хоҳед шуд“, мегӯяд Худованд Худо.
[21] Ва Ман ҷалоли Худро дар миёни халқҳо зоҳир хоҳам сохт, ва
ҳамаи халқҳо доварии Маро, ки ба амал овардаам, ва дасти Маро, ки
бар онҳо ниҳодаам, хоҳанд дид,
[22] Ва хонадони Исроил аз ҳамон рӯз ва минбаъд хоҳанд донист, ки
Ман Худованди онҳо ҳастам+.
[23] Ва халқҳо хоҳанд донист, ки хонадони Исроил аз боиси гуноҳи
худашон ҷалои ватан шуданд, аз боиси он ки дар ҳаққи Ман хиёнат
карданд, ва Ман рӯи Худро аз онҳо пинҳон доштам, ва онҳоро ба
дасти душманонашон супурдам, ва ҳамаашон аз шамшер афтоданд+.

24 Мувофиқи нопокии онҳо ва мувофиқи ҷиноятҳошон Ман ба
онҳо амал намудам, ва рӯи Худро аз онҳо пинҳон доштам.
25 Бинобар ин Худованд Худо чунин мегӯяд: акнун асирони
Яъқубро хоҳам баргардонид, ва бар тамоми хонадони Исроил раҳм
хоҳам кард, ва барои исми муқаддаси Худ рашк хоҳам намуд+.
26 Ва онҳо нанги худро, ва тамоми хиёнати худро, ки дар ҳаққи
Ман кардаанд, фаромӯш хоҳанд намуд, вақте ки дар замини худ дар
амният сокин шаванд, ва касе набошад, ки онҳоро ба ҳарос андозад,+
27 Вақте ки Ман онҳоро аз миёни қавмҳо баргардонам, ва онҳоро
аз кишварҳои душманонашон ҷамъ оварам, ва Худро ба воситаи онҳо
дар пеши назари халқҳои бисьёр тақдис намоям,+
28 Ва хоҳанд донист, ки Ман Худованд Худои онҳо ҳастам, ки
онҳоро дар миёни халқҳо ҷалои ватан кардам, ва онҳоро ба замини
худашон ҷамъ овардам, ва касеро аз онҳо дигар дар он ҷо боқӣ
нахоҳам гузошт,
29 Ва рӯи Худро дигар аз онҳо пинҳон нахоҳам дошт, зеро ки рӯҳи
Худро бар хонадони Исроил фурӯ рехтаам, мегӯяд Худованд Худо»+.

## Рӯъёи марде бо нае барои андоза.

**40** 1 •Дар соли бисту панҷуми ҷалои ватан шудани мо, дар
ибтидои сол, дар рӯзи даҳуми моҳ, дар соли чордаҳум баъд аз
хароб шудани шаҳр, дар худи ҳамон рӯз дасти Худованд бар ман
ниҳода шуд, ва Ӯ маро ба он ҷо бурд+.
2 Дар рӯъёҳои Худо маро ба замини Исроил овард, ва маро бар
кӯҳи бағоят баланде гузошт, ки бар он аз ҷануб мисли биноҳои шаҳр
намоён буд+.
3 Ва маро ба он ҷо овард, ва инак марде намоён шуд, ки намудаш
мисли намуди мис буд, ва дар дасташ ресмоне аз катон, ва нае барои
андоза кардан буд, ва ӯ назди дарвоза меистод+.
4 Ва он мард ба ман гуфт: «Эй писари одам! Бо чашмони худ бубин
ва бо гӯшҳои худ бишнав, ва дили худро ба ҳар чизе ки ба ту нишон
диҳам, равона намо, зеро ту ба ин ҷо барои он оварда шудаӣ, ки ба ту
нишон диҳам; ҳар он чи ту мебинӣ, ба хонадони Исроил маълум
намо»+.

## Рӯъёи маъбади оянда.

5 Ва инак, берун аз маъбад ҳисоре гирдогирд буд; ва дар дасти он
мард наи андозаи шашзироӣ буд, ки ҳар зироаш аз як зироъ* ва як
қабза иборат буд; ва ӯ фарохии биноро як най* ва қадашро як най
андоза кард+.
6 Ва назди дарвозае ки рӯ ба ҷониби шарқ буд, омада, ба зинаҳояш
баромад, ва остонаи дарвозаро андоза кард, ки фарохияш як най буд,
ва остонаи дигарро, ки фарохияш як най буд+.
7 Ва ҳар ҳуҷра як най дарозӣ ва як най фарохӣ дошт, ва масофаи
байни хуҷраҳо панҷ зироъ буд; ва остонаи дарвоза назди равоқи
дарвоза аз дарун як най буд.
8 Ва равоқи дарвозаро аз дарун як най андоза кард.
9 Ва равоқи дарвозаро ҳашт зироъ, ва арконашро ду зироъ андоза
кард, ва равоқи дарвоза аз дарун буд.
10 Ва ҳуҷраҳои ин дарвозаи шарқӣ сето аз ин тараф ва сето аз он
тараф буд, ва ҳар се як хел андоза доштанд; ва аркони ҳар ду тараф як
хел андоза доштанд.

11 Ва фарохии даҳани дарвозаро даҳ зироъ, ва дарозии дарвозаро сездаҳ зироъ андоза кард.

12 Ва девораи пеши ҳуҷраҳо як зироъ буд, ва як зироъ девора аз он тараф буд; ва ҳуҷра шаш зироъ аз ин тараф ва шаш зироъ аз он тараф андоза дошт.

13 Ва дарвозаро аз боми як ҳуҷра то боми дигараш андоза кард: фарохии он бисту панҷ зироъ шуд; ҳар дари даромад рӯ ба рӯи дари дигар буд.

14 Ва арконро шаст зироъ сохт, ва ҳамчунин арконеро, ки дар саҳн ва назди дарвозаҳо гирдогирд мавҷуд буд.

15 Ва аз болои дарвозаи даромадгоҳ то пеши равоқи дарвозаи дохилӣ панҷоҳ зироъ буд.

16 Ва дар ҳуҷраҳо ва аркони даруни дарвозахона гирдогирд тирезаҳои шабакадор буд, ва ҳамчунин дар равоқҳо гирдогирд рӯ ба дарун тирезаҳо буд, ва бар аркон — нақши нахлҳо+.

17 Ва ӯ маро ба саҳни берунӣ овард, ва инак — утоқҳо ва сангфарше гирдогирди саҳн сохта шудааст; сӣ утоқ бар он сангфарш буд+.

18 Ва сангфарше дар паҳлуи дарвозаҳо мувофиқи дарозии дарвозаҳо буд; ин сангфарши поёнӣ буд.

19 Ва фарохии саҳнро аз пеши дарвозаи поёнӣ то канори берунии саҳни дохилӣ сад зироъ андоза кард, — ҳам ба самти шарқӣ ва ҳам ба самти шимолӣ.

20 Ва дарозӣ ва фарохии дарвозаи саҳни беруниро, ки рӯ ба ҷониби шимол буд, андоза кард.

21 Ва ҳуҷраҳояш сето аз ин тараф ва сето аз он тараф буд; ва арконаш ва равоқҳояш мисли андозаи дарвозаи якум буд: дарозияш панҷоҳ зироъ, ва фарохияш бисту панҷ зироъ.

22 Ва тирезаҳояш ва равоқҳояш ва нақши нахлҳояш мисли андозаи дарвозае буд, ки рӯ ба ҷониби шарқ буд; ва бо ҳафт зина ба он мебаромаданд, ва равоқҳояш пеши онҳо буд.

23 Ва саҳни дохилӣ дарвозаҳое дошт, ки рӯ ба рӯи дарвозаҳои шимолӣ ва шарқӣ буд; ва аз дарвоза то дарвоза сад зироъ андоза кард.

24 Ва маро ба тарафи ҷануб бурд, ва инак дарвозаи ҷанубӣ; ва арконаш ва равоқҳояшро андоза кард, ки мисли он андозаҳо буд.

25 Ва тирезаҳо дар он ва дар равоқҳояш гирдогирд мисли он тирезаҳо буд; дарозияш панҷоҳ зироъ ва фарохияш бисту панҷ зироъ буд.

26 Ва зинапояи он ҳафт зина дошт, ва равоқҳояш пеши онҳо буд; ва нақши нахлҳо бар арконаш яке аз ин тараф ва дигаре аз он тараф буд.

27 Ва саҳни дохилӣ дарвозаи ҷанубӣ дошт; ва аз он дарвоза то ин дарвозаи ҷанубӣ сад зироъ андоза кард.

28 Ва маро аз дарвозаи ҷанубӣ ба саҳни дохилӣ овард, ва дарвозаи ҷанубиро андоза кард, ки мисли он андозаҳо буд+.

29 Ва ҳуҷраҳояш ва арконаш ва равоқҳояш мисли он андозаҳо буд, ва дар он ва дар равоқҳояш гирдогирд тирезаҳо буд; дарозияш панҷоҳ зироъ, ва фарохияш бисту панҷ зироъ буд.

30 Ва равоқҳо гирдогирд буд; дарозияш бисту панҷ зироъ, ва фарохияш панҷ зироъ буд.

31 Ва равоқҳояш рӯ ба ҷониби саҳни берунӣ буд, ва нақши нахлҳо бар арконаш буд; ва зинапояи он ҳашт зина дошт.

32 Ва маро ба саҳни дохилӣ овард, ки ба самти шарқ буд; ва дарвозаро андоза кард, ки мисли он андозаҳо буд.

33 Ва ҳуҷраҳояш ва арконаш ва равоқҳояш мисли он андозаҳо буд, ва дар он ва дар равоқҳояш гирдогирд тирезаҳо буд; дарозияш панҷоҳ зироъ ва фарохияш бисту панҷ зироъ буд.

34 Ва равоқҳояш рӯ ба ҷониби саҳни берунӣ буд, ва нақши нахлҳо бар арконаш аз ин тараф ва аз он тараф буд; ва зинапояи он ҳашт зина дошт.

35 Ва маро ба дарвозаи шимолӣ овард; ва мисли он андозаҳо андоза кард.

36 Ҳуҷраҳояш, арконаш ва равоқҳояш буд, ва дар он гирдогирд тирезаҳо буд; дарозияш панҷоҳ зироъ, ва фарохияш бисту панҷ зироъ буд.

37 Ва арконаш рӯ ба ҷониби саҳни берунӣ буд, ва нақши нахлҳо бар арконаш аз ин тараф ва аз он тараф буд; ва зинапояи он ҳашт зина дошт.

38 Ва назди аркони дарвозаҳо утоқе буд, ки дари даромад дошт; дар он ҷо қурбониҳои сӯхтаниро мешустанд+.

39 Ва дар равоқи дарвоза ду миз аз ин тараф ва ду миз аз он тараф буд, то ки бар онҳо қурбониҳои сӯхтанӣ ва қурбониҳои гуноҳ ва

қурбониҳои ҷурмро забҳ кунанд+.
[40] Ва дар пахлуи зинаи назди даҳани дарвозаи шимолӣ аз тарафи
берун ду миз буд; ва дар паҳлуи дигар, ки назди равоқи дарвоза буд,
ду миз меистод.
[41] Чор миз аз ин тараф ва чор миз аз он тараф, дар паҳлуи дарвоза
буд, ҷамъ ҳашт миз, ки бар онҳо забҳ мекарданд.
[42] Ва чор миз аз сангҳои тарошида барои қурбониҳои сӯхтанӣ буд,
ки якуним зироъ дарозӣ ва якуним зироъ фароҳӣ ва як зироъ
баландӣ дошт, ва бар онҳо олатҳоеро мегузоштанд, ки қурбониҳои
сӯхтанӣ ва қурбониҳои дигарро ба воситаи онҳо забҳ мекарданд.
[43] Ва чангакҳо ба дарозии як қабза дар гирдогирди хона овезон
буд, ва гӯшти қурбониҳо бар мизҳо буд.

## Утоқҳо барои муғанниён ва коҳинон.

[44] Ва аз беруни дарвозаи дохилӣ, дар саҳни дохилие ки дар паҳлуи
дарвозаи шимолӣ буд, утоқҳои муғанниён воқеъ буд, ва онҳо рӯ ба
ҷониби ҷануб буд; яке аз онҳо дар паҳлуи дарвозаи шарқӣ рӯ ба
ҷониби шимол буд+.
[45] Ва ӯ ба ман гуфт: ин утоқе ки рӯ ба ҷониби ҷануб аст, барои
коҳинонест, ки ба тартиботи маъбад нигаҳбонӣ мекунанд.
[46] Ва утоқе ки рӯ ба ҷониби шимол аст, барои коҳинонест, ки ба
тартиботи қурбонгоҳ нигаҳбонӣ мекунанд; инҳо писарони Содӯқ, аз
банӣ-Левӣ мебошанд, ки ба Худованд наздик меоянд, то ба Ӯ хизмат
кунанд+.
[47] Ва ӯ саҳнро андоза кард, ки дарозияш сад зироъ ва фарохияш сад
зироъ, яъне мураббаъ буд; ва қурбонгоҳ пеши маъбад буд+.

## Дар бораи равоқи маъбад.

[48] Ва маро ба равоқи маъбад овард, ва аркони равоқро панҷ зироъ
аз ин тараф ва панҷ зироъ аз он тараф андоза кард; ва фарохии
дарвоза се зироъ аз ин тараф ва се зироъ аз он тараф буд.
[49] Дарозии равоқ бист зироъ, ва фарохияш ёздаҳ зироъ буд, ва бо
зинаҳо назди он мебаромаданд; ва танбаҳо назди аркон, якто аз ин
тараф ва якто аз он тараф буд+.

## Тасвири маъбад.

41 [1] Ва маро ба толори маъбад овард; ва арконро андоза кард, ки
шаш зироъ фарохӣ аз ин тараф ва шаш зироъ фарохӣ аз он
тараф дошт, ва ин фарохии хайма буд.
[2] Ва фарохии дари даромад даҳ зироъ, ва паҳлуҳои дари даромад
панҷ зироъ аз ин тараф ва панҷ зироъ аз он тараф буд; ва дарозияшро
чил зироъ, ва фарохияшро бист зироъ андоза кард+.
[3] Ва ба хонаи дарун даромада, рукни дари даромадро ду зироъ
андоза кард; ва дари даромад шаш зироъ, ва фарохии дари даромад
ҳафт зироъ буд.
[4] Ва дарозияшро бист зироъ, ва фарохияшро бист зироъ, рӯ ба
ҷониби толори маъбад, андоза кард; ва ба ман гуфт: ин қудси
қудсҳост+.
[5] Ва девори маъбадро шаш зироъ андоза кард; ва фарохии
хоначаҳое ки дар гирдогирди маъбад буданд, чор зироъ буд+.
[6] Ва хоначаҳо, — хонача бар хонача, — се қабат, ва дар ҳар қабат сӣ
адад буд, ва дар деворе ки барои хоначаҳо гирдогирди маъбад буд,
дохил мешуд, то ки дар он ҷойгир шавад, валекин дар девори худи
маъбад ҷойгир нашавад+.
[7] Ва хоначаҳо болотар ва болотар торафт фарох мешуд, зеро ки
сатҳи маъбад болотар ва болотар гирдогирди маъбад афзоиш меёфт,
бинобар ин фарохии маъбад дар боло зиёд буд; ва ба ҳамин тариқ аз
қабати поён ба қабати миёна ва аз он ба қабати боло мебаромаданд.
[8] Ва гирдогирди маъбад суфаи баланде дидам; таҳкурсии
хоначаҳо як наи пурра, яъне шаш зирои калон буд.
[9] Фарохии деворе ки аз берун барои хоначаҳо буд, панҷ зироъ буд;
ва ҳамчунин барои фосилае ки дар миёни хоначаҳои маъбад буд.
[10] Ва дар миёни утоқҳо гирдогирди маъбад аз ҳар тараф бист
зироъ масофат буд.
[11] Ва дарҳои даромади хоначаҳо рӯ ба ҷониби он фосила буд, як
дари даромад рӯ ба ҷониби шимол, ва дари дигар рӯ ба ҷониби
ҷануб; ва фарохии он ҷои фосила гирдогирд панҷ зироъ буд.
[12] Ва биное ки дар пеши ялангӣ аз ҷониби ғарб буд, ҳафтод зироъ
фарохӣ дошт, ва девори бино гирдогирд панҷ зироъ фарохӣ дошт: ва
дарозии он навад зироъ буд.

13 Ва маъбадро андоза кард, ки дарозияш сад зироъ буд, ва дарозии
япангӣ ва бино ва деворҳояш низ сад зироъ буд+.
14 Ва фарохии тарафи шарқии маъбад бо ялангии назди он сад
зироъ буд.
15 Ва дарозии биноро то пеши ялангие ки дар ақибаш буд, бо
айвонҳояш аз ин тараф ва аз он тараф сад зироъ андоза кард; ва
толори дохилии маъбад ва равоқҳои саҳнро низ.
16 Остонаҳо, ва тирезаҳои шабакадор, ва айвонҳо гирдогирд — дар
се қисми маъбад дар рӯ ба рӯи остона — аз замин то тирезаҳо
гирдогирд рӯйбасти чӯбин дошт; ва тирезаҳо тахтапӯш буд+.
17 То болои дари даромад ва то маъбади дохилӣ ва берунӣ, ва бар
ҳамаи деворҳо гирдогирд, аз дарун ва аз берун, тахтаҳои калон-
калон буд.
18 Ва нақши каррубиён ва нахлҳо бар онҳо ҳак карда шуда буд, ва
дар мобайни ҳар ду каррубӣ нахле буд, ва ҳар каррубӣ ду рӯй дошт+.
19 Ва рӯи одам ба ҷониби нахл аз ин тараф, ва рӯи шер ба ҷониби
нахл аз он тараф буд; дар тамоми маъбад гирдогирд ҳамин тавр
сохта шуда буд+.
20 Аз замин то болои дари даромад каррубиён ва нахлҳо бар
девори толори маъбад ҳак карда шуда буд.
21 Паҳлударии толори маъбад мураббаъ буд, ва намуди
даромадгоҳи қудс мисли намуди он буд+.
22 Қурбонгоҳи чӯбине буд, ки се зироъ баландӣ ва ду зироъ дарозӣ
дошт; ва гӯшаҳояш, ва дарозияш ва деворҳояш аз чӯб буд. Ва ба ман
гуфт: ин мизест, ки дар ҳузури Худованд мебошад.
23 Ва толори маъбад, ва қудс ду дар дошт.
24 Ва ҳар дар ду табақа дошт; ин ду табақа мутаҳаррик буд, дуто
дар як дар, ва дуто дар дари дигар+.
25 Ва бар онҳо, яъне бар дарҳои толори маъбад, каррубиён ва
нахлҳо ҳак карда шуда буд, ончунон ки бар деворҳо ҳак карда шуда
буд; ва соябони чӯбин дар пеши равоқ аз берун буд+.
26 Ва тирезаҳои шабакадор, бо нақши нахлҳо аз ин тараф ва аз он
тараф, бар паҳлуҳои равоқ буд, ва ҳамчунин бар хоначаҳои маъбад
ва бар соябонҳо+.

## Давоми он.

**42** 1 Ва маро ба саҳни берунӣ бо роҳи самти шимолӣ баровард; ва маро назди утоқҳое ки дар рӯ ба рӯи ялангӣ ва дар рӯ ба рӯи бино ба тарафи шимол буд, овард, —+

2 Ба тарафи пеши иморате ки сад зироъ дарозӣ дошта, дар ҷониби дари даромади шимолӣ воқеъ буд, ва панҷоҳ зироъ фарохӣ дошт.

3 Рӯ ба рӯи бист зирое ки аз они саҳни дохилӣ буд, ва рӯ ба рӯи сангфарше ки аз они саҳни берунӣ буд, айвоне рӯ ба рӯи айвоне дар қабатҳои сеюм буд.

4 Ва дар пеши утоқҳо роҳе ба тарафи саҳни дарунӣ буд, ки даҳ зироъ фарохӣ дошт, ва роҳраве ки як зироъ буд, ва дарҳои онҳо ба тарафи шимолӣ буд.

5 Ва утоқҳои боло тангтар буданд, зеро ки айвонҳо аз онҳо, назар ба утоқҳои поён ва миёнаи бино, бештар мегирифтанд.

6 Зеро ки онҳо сеқабата буданд, ва сутунҳо мисли сутунҳои саҳнҳо надоштанд; бинобар ин аз заминашон, назар ба утоқҳои поён ва миёна, бештар гирифта шуда буд.

7 Ва деворе ки ба берун рӯ ба рӯи утоқҳо, сӯи саҳни берунӣ, ба тарафи пеши утоқҳо буд, панҷоҳ зироъ дарозӣ дошт,

8 Зеро дарозии утоқҳое ки дар саҳни берунӣ буд, панҷоҳ зироъ буд; ва инак тарафи пеши толори маъбад сад зироъ буд.

9 Ва дар поёни ин утоқҳо аз тарафи шарқӣ даромадгоҳе буд, ки аз он ба онҳо аз саҳни берунӣ омада дохил мешуданд;

10 Он баробари фарохии девори саҳн буда, аз пеши ялангӣ мегузашт ва пеши бинои утоқҳо мерафт.

11 Ва роҳи тарафи пеши онҳо мисли намуди роҳи утоқҳои самти шимолӣ буд, ҳам дарозияшон ва ҳам фарохияшон; ва ҳамаи баромадгоҳҳои онҳо, ва сохти онҳо, ва дарҳои даромади онҳо ҳамон хел буд.

12 Ва мисли дарҳои даромади утоқҳои самти ҷанубӣ даре бар сари роҳ буд, бар сари роҳе ки пеши девори сарбастаи шарқӣ буд, ва мардум бо ин роҳ омада дохил мешуданд.

13 Ва ба ман гуфт: «Утоқҳои шимолӣ ва утоқҳои ҷанубӣ, ки пеши ялангӣ мебошанд, утоқҳои муқаддасанд, ва коҳиноне ки ба Худованд наздик меоянд, қурбониҳои муқаддасро дар онҳо мехӯранд;

қурбониҳои муқаддасро, яъне ҳадияи ордӣ, қурбонии гуноҳ ва
курбонии ҷурмро дар он ҷо мегузоранд, зеро ки ин макон муқаддас
аст+.
14 Ҳангоме ки коҳинон меоянд, аз ин қудс ба саҳни берунӣ
намебароянд, балки либосҳои худро, ки бо онҳо хизмат мекунанд,
дар он ҷо мегузоранд, зеро ки онҳо муқаддас мебошанд; ва либосҳои
дигар пӯшида, ба маконе ки аз они қавм аст, наздик мешаванд»+.
15 Ва баъд аз он ки андоза кардани маъбад ва саҳни дохилиро
анҷом дод, маро аз дарвозае ки рӯ ба ҷониби шарқ буд, берун овард,
ва онро гирдогирд андоза кард.
16 Тарафи шарқиро бо наи андоза андоза кард; бо наи андоза
панҷсад най гирдогирд андоза кард.
17 Тарафи шимолиро бо наи андоза панҷсад най гирдогирд андоза
кард.
18 Тарафи ҷанубиро бо наи андоза панҷсад най андоза кард.
19 Ба тарафи ғарбӣ гашта, бо наи андоза панҷсад най андоза кард.
20 Ҳар чор тарафи онро андоза кард; ҳисоре гирдогирди он буд, ки
дарозияш панҷсад ва фарохияш панҷсад най буд, то ки чизи
муқаддасро аз ғайримуқаддас ҷудо кунад+.

## Давоми он.

43 [1] Ва маро назди дарвоза овард, назди дарвозае ки рӯ ба
ҷониби шарқ буд+.

## Рӯъёи ҷалоли Худо, ки маъбадро пур мекунад.

[2] Ва инак, ҷалоли Худои Исроил аз тарафи шарқ омад, ва овози Ӯ
мисли овози обҳои бисьёр буд, ва замин аз ҷалоли Ӯ мунаввар шуд+.
[3] Ва мисли намуди он рӯъёе буд, ки ман дида будам, яъне мисли
он рӯъёе ки дар вақти омаданам барои харобии ин шаҳр, дида будам,
ва рӯъёҳо мисли он рӯъёе буд, ки назди наҳри Кабар дида будам; ва
бар рӯи худ афтодам+.
[4] Ва ҷалоли Худованд аз дарвозае ки рӯ ба ҷониби шарқ буд, ба
маъбад даромад.
[5] Ва Рӯҳи Худо маро бардошта, ба саҳни дохилӣ овард, ва инак
ҷалоли Худованд маъбадро пур кард+.
[6] Ва касеро шунидам, ки ба ман аз даруни маъбад сухан меронд; ва
марде назди ман истода буд.

## Маъбад — макони тахти малакути оянда.

[7] Ва ба ман гуфт: «Эй писари одам! Ин аст макони тахти Ман ва
макони кафи пойҳои Ман, ки дар он Ман дар миёни банӣ-Исроил то
абад сокин хоҳам шуд; ва хонадони Исроил, ҳам худашон ва ҳам
подшоҳонашон, дигар исми муқаддаси Маро бо зинокории худ ва бо
лошаҳои подшоҳони худ ва бо баландиҳои худ палид нахоҳанд
кард,+
[8] Дар сурате ки онҳо остонаи худро назди остонаи Ман ва
паҳлударии худро назди паҳлударии Ман месохтанд, ва фақат деворе
дар мобайни Ман ва онҳо буд, ва онҳо исми муқаддаси Маро бо
корҳои зишти худ, ки ба ҷо меоварданд, палид карданд, ва Ман
онҳоро дар хашми Худ ба ҳалокат расондам.
[9] Акнун онҳо зиноҳои худ ва лошаҳои подшоҳони худро аз Ман
дур хоҳанд кард, ва Ман дар миёни онҳо то абад сокин хоҳам шуд.
[10] Ту, эй писари одам, хонадони Исроилро дар бораи ин маъбад
огоҳӣ бидеҳ, то ки аз гуноҳҳои худ шарм намоянд ва тарҳи онро
андоза кунанд+.

11 Ва агар онҳо аз ҳар коре ин кардаанд, шарм намоянд, сурати
маъбад ва тарҳи онро, ва баромадгоҳҳояш ва даромадгоҳҳояш ва
ҳамаи тасвирҳояш, ва тамоми фароизаш ва ҳамаи тасвирҳояш ва
ҳамаи қонунҳояшро ба онҳо баён намо ва пеши назари онҳо бинавис,
то ки тамоми сурати он ва тамоми фароизи онро риоя намоянд, ва
бар тибқи онҳо амал кунанд.
12 Ин аст қонуни маъбад: бар сари кӯҳ тамоми ҳудуди он
гирдогирд қудси қудсҳо мебошад; ана ҳамин аст қонуни маъбад».

## Андозаҳои қурбонгоҳ.

13 Ва инҳост андозаҳои қурбонгоҳ ба ҳисоби зироъҳо, ки он ҳам
ҳар зироъ аз як зироъ ва як қабза иборат аст: доманаш — як зироъ, ва
фарохияш — як зироъ, ва ҳошияи гирдогирди лабаш — як ваҷаб, — ва
ин пояи қурбонгоҳ аст;+
14 Ва аз домане ки бар рӯи замин аст, то барҷастагии поён — ду
зироъ, ва фарохияш — як зироъ; ва аз ин барҷастагии хурд то
барҷастагии калон — чор зироъ, ва фарохияш — як зироъ;
15 Ва оташдонаш — чор зироъ, ва аз оташдон ба сӯи боло — чор
шох+.
16 Ва оташдон дувоздаҳ зироъ дарозӣ ва дувоздаҳ зироъ фарохӣ
дошт; аз ҳар чор тарафаш мураббаъ буд.
17 Ва барҷастагӣ чордаҳ зироъ дарозӣ ва чордаҳ зироъ фарохӣ аз
ҳар чор тарафаш дошт; ва ҳошияи гирди он ним зироъ, ва домани он
гирдогирд як зироъ, ва зинаҳои он рӯ ба ҷониби шарқ буд+.
18 Ва ба ман гуфт: «Эй писари одам! Худованд Худо чунин мегӯяд:
ин аст фароизи қурбонгоҳ дар рӯзе ки сохтани он ба анҷом расад, то
ки қурбонии сӯхтанӣ бар он биёранд ва хун бар он бипошанд+.

## Дар бораи овардани қурбониҳо.

19 Ва ба коҳинони левизодае ки аз насли Содӯқ буда, ба Ман наздик
меоянд, то ба Ман хизмат кунанд, мегӯяд Худованд Худо, гӯсолаи
наре барои қурбонии гуноҳ бидеҳ+.
20 Ва аз хунаш гирифта, бар чор шохи он, ва бар чор гӯшаи
барҷастагӣ, ва бар ҳошияи гирди он бипош; ва онро аз гуноҳ пок
намо, ва онро кафорат бикун+.

21 Ва он гӯсоларо барои қурбонии гуноҳ бигир, ва онро дар макони
муайяни маъбад, берун аз қудс бисӯзон+.
22 Ва дар рӯзи дуюм нарбузи беайберо барои қурбонии гуноҳ забҳ
намо; ва бигзор қурбонгоҳро аз гуноҳ пок кунанд, чунон ки бо гӯсола
пок карданд.
23 Ва ҳангоме ки сӯзонидани қурбониҳои гуноҳро ба анҷом
расонӣ, гӯсолаи нари беайбе, ва қӯчқори беайбе аз миёни рама
қурбонӣ намо.
24 Ва онҳоро ба ҳузури Худованд қурбонӣ намо: ва бигзор коҳинон
бар онҳо намак пошанд, ва онҳоро қурбонии сӯхтанӣ барои Худованд
бароранд+.
25 Ҳафт рӯз бузи нареро чун қурбонии гуноҳ барои ҳар рӯз забҳ
намо; ва бигзор гӯсолаи наре ва қӯчқореро аз рама, ки ҳар дуяш
беайб бошад, қурбонӣ кунанд+.
26 Бигзор ҳафт рӯз қурбонгоҳро кафорат кунанд, ва онро пок
созанд, ва онро тақдис намоянд.
27 Ва ҳангоме ки ин рӯзҳо ба итмом расад, дар рӯзи ҳаштум ва
баъд аз он коҳинон қурбониҳои сӯхтанӣ ва қурбониҳои саломатии
шуморо бар қурбонгоҳ бароранд ва Ман ба шумо таваҷҷӯҳ хоҳам
намуд, мегӯяд Худованд Худо»+.

## Дар бораи дарвозаи маъбад.

44 [1] Ва маро назди дарвозаи саҳни берунии маъбад, ки рӯ ба
ҷониби шарқ буд, гардонда овард, вале он баста буд.
[2] Ва Худованд ба ман гуфт: «Ин дарвоза баста хоҳад буд, кушода
нахоҳад шуд, ва касе ба он нахоҳад даромад, зеро ки Худованд Худои
Исроил ба он даромад, ва он баста хоҳад буд.
[3] Аммо раис, азбаски вай раис аст, дар он хоҳад нишаст, то ки ба
ҳузури Худованд нон бихӯрад; аз роҳи равоқи ин дарвоза хоҳад
даромад, ва аз он роҳ хоҳад баромад».

## Ҷалол хонаи Худовандро пур мекунад.

4 Ва маро аз роҳи дарвозаи шимолӣ пеши маъбад овард, ва назар
кардам, ва инак, ҷалоли Худованд хонаи Худовандро пур карда буд,
ва ман бар рӯи худ афтодам+.
5 Ва Худованд ба ман гуфт: «Эй писари одам! Диққат намо, ва бо
чашмони худ бубин, ва ҳар он чи Ман дар бораи тамоми фароизи
хонаи Худованд ва ҳамаи қонунҳояш ба ту бигӯям, бо гӯшҳои худ
бишнав; ва ба даромадгоҳи маъбад ва ба ҳамаи баромадгоҳҳои хонаи
муқаддас диққат намо+.
6 Ва ба ин исьёнгарон, яъне ба хонадони Исроил бигӯй: „Худованд
Худо чунин мегӯяд: бас аст шуморо, эй хонадони Исроил, тамоми он
корҳои зиштатон,+
7 Вақте ки аҷнабиёни дорои дили номахтун ва ҷисми номахтунро
меовардед, то ки дар хонаи муқаддаси Ман истода, хонаи Маро палид
созанд, ва шумо ғизои Маро, яъне чарбу ва хунро бо ёрии онҳо
қурбонӣ менамудед, ва онҳо, илова бар ҳамаи корҳои зишти шумо,
аҳди Маро поймол мекарданд;+
8 Ва шумо хизмати навбатдориро назди чизҳои муқаддаси Ман ба
ҷо наовардед, балки аҷнабиёнро ба ҷои худ гузоштед, то ки хизмати
Маро дар навбатдории хонаи муқаддаси Ман ба ҷо оваранд.

## Дар бораи коҳинон дар маъбади оянда.

9 Худованд Худо чунин мегӯяд: ҳеҷ як аҷнабӣ, ки дили номахтун
ва ҷисми номахтун дорад, набояд ба хонаи муқаддаси Ман дохил
шавад, ҳеҷ яке аз он аҷнабиёне низ, ки дар миёни банӣ-Исроил
ҳастанд,
10 Балки левизодагоне ки дар вақти гумроҳии Исроил аз Ман дур
шудаанд, яъне онҳое ки Маро тарк карда, бутҳои худро пайравӣ
намудаанд, ҷазои гуноҳи худро хоҳанд кашид.
11 Ва онҳо дар хонаи муқаддаси Ман хизматгузор гардида,
вазифаи дарвозабонҳои маъбад ва мулозимони маъбадро ба ҷо
хоҳанд овард; онҳо қурбониҳои сӯхтанӣ ва қурбониҳои дигарро
барои қавм забҳ хоҳанд кард, ва ба ҳузури онҳо барои иҷрои
хизматашон хоҳанд истод.

12 Азбаски ба онҳо ба хузури бутҳошон хизмат мекарданд, ва барои хонадони Исроил васвасаи гуноҳ гардиданд, бинобар ин дасти Худро бардошта қасам хӯрдам, мегӯяд Худованд Худо, ки онҳо бори гуноҳи худро хоҳанд бардошт;

13 Ва ба Ман наздик нахоҳанд омад, то ки барои Ман каҳонат намоянд ва ба ҳамаи чизҳои муқаддаси Ман, яъне ба қурбониҳои муқаддастарин наздик оянд, балки бори нанги худ ва корҳои зишти худро, ки ба ҷо овардаанд, хоҳанд бардошт;

14 Ва Ман онҳоро нигаҳбонони навбатдории маъбад, барои ҳар хизмати он ва барои ҳар коре ки дар он ба ҷо оварда мешавад, таъин хоҳам намуд.

15 Валекин коҳинони левизодаи банӣ-Содӯқ, ки дар вақти аз Ман дур шудани банӣ-Исроил хизмати навбатдории хонаи муқаддаси Маро ба ҷо меоварданд, — онҳо ба Ман наздик хоҳанд омад, то ки ба Ман хизмат кунанд, ва онҳо ба ҳузури Ман хоҳанд истод, то ки ҷарбу ва хунро барои Ман қурбонӣ намоянд, мегӯяд Худованд Худо+.

16 Онҳо ба хонаи муқаддаси Ман дохил хоҳанд шуд, ва онҳо ба мизи Ман наздик хоҳанд омад, то ки ба Ман хизмат кунанд; ва онҳо навбатдориро барои Ман ба ҷо хоҳанд овард+.

17 Ва чун ба дарвозаи саҳни дохилӣ дароянд, либоси катон бояд бипӯшанд; ва ҳангоме ки назди дарвозаи саҳни дохилӣ ва дар маъбад хизмат кунанд, бар онҳо либоси пашмин набояд бошад.

18 Аммомаҳои катон бар сари онҳо бояд бошад, ва шалвори катон бар камарашон бояд бошад; бо чизе ки арақ оварад, камарро набояд банданд+.

19 Ва ҳангоме ки ба саҳни берунӣ, ба саҳни берунӣ назди қавм берун оянд, либосҳои худро, ки бо онҳо хизмат мекунанд, бояд кашида, дар утоқҳои муқаддас бимонанд, ва либосҳои дигар бипӯшанд, то ки бо либосҳои худ қавмро тақдис нанамоянд+.

20 Ва бояд сари худро натарошанд, ва гесӯ намонанд, балки мӯйсари худро қайчӣ кунанд+.

21 Ва ҳеҷ як коҳин, вақте ки ба саҳни дохилӣ медарояд, набояд шароб нӯшад+.

22 Ва зани бева ва талоқ додашударо набояд барои худ ба занӣ гиранд, балки бокираеро, ки аз насли хонадони Исроил бошад, ва беваеро, ки беваи коҳин бошад, бигиранд;+

23 Ва фарқи байни чизи муқаддас ва ғайримуқаддасро бояд ба
қавми Ман таълим диҳанд, ва фарқи байни чизи палид ва покро ба
онҳо бифаҳмонанд;+
24 Ва дар мурофиаҳо ба доварӣ истода, мувофиқи дастурҳои Ман
доварӣ намоянд, ва қонунҳо ва фароизи Маро оид ба ҳамаи идҳои
Ман риоя кунанд, ва шанбеҳои Маро тақдис намоянд+.
25 Ва ҳеҷ яке аз онҳо набояд ба одами мурда наздик омада худро
палид созад; фақат барои падар ва модар, писар ва духтар, бародар ва
хоҳаре ки шавҳар накарда бошад, метавонанд худро палид созанд+.
26 Ва баъд аз он ки ӯ пок шавад, барои ӯ ҳафт рӯз шумурданашон
лозим аст+.
27 Ва дар рӯзе ки ӯ ба саҳни дохилии қудс дарояд, то ки дар қудс
хизмат кунад, ӯ бояд қурбонии гуноҳи худро биёрад, мегӯяд
Худованд Худо+.
28 Ва ин насибаи онҳо хоҳад буд: Ман насибаи онҳо хоҳам буд; ва
мулке ба онҳо дар Исроил надиҳед: Ман мулки онҳо хоҳам буд+.
29 Ҳадияи ордӣ ва қурбониҳои гуноҳ ва ҷурмро онҳо хоҳанд хӯрд;
ва тамоми вақф дар Исроил аз они онҳо хоҳад буд+.
30 Ва ибтидои тамоми навбарҳои ҳама чиз, ва ҳар пешкаши ҳар
чиз аз тамоми пешкашҳои шумо аз они коҳинон хоҳад буд; ва
ибтидои хамири худро ба коҳин бидиҳед, то ки баракат бар хонаи ту
қарор ёбад+.
31 Ҳеҷ як лоша ва даридашударо, хоҳ аз паррандагон бошад хоҳ аз
чорпоён, коҳинон набояд бихӯранд+.

## Тақсимоти қитъаҳои замин.

## Қисме ки ба Худованд бахшида шудааст.

**45** 1 Ва ҳангоме ки заминро барои тасарруф бо қуръа тақсим
кунед, қитъаи муқаддасе аз замин, ки бисту панҷ ҳазор зироъ
дарозӣ ва даҳ ҳазор зироъ фарохӣ дошта бошад, барои Худованд
пешкаш намоед; он дар тамоми ҳудудаш гирдогирд муқаддас хоҳад
буд+.
2 Аз ин барои қудс мураббае ба андозаи панҷсад зироъ бар
панҷсад зироъ гирдогирд хоҳад буд; ва майдоне гирдогирди он ба
андозаи панҷоҳ зироъ+.
3 Ва аз паҳлуи ин андоза дарозии бисту панҷ ҳазор зироъ ва
фарохии даҳ ҳазор зироъро андоза намо, ва дар он ҷо хонаи
муқаддас, кудси қудсҳо хоҳад буд.
4 Ин барои коҳиноне ки дар хонаи муқаддас хизмат мекунанд ва
барои хизмат кардан ба Худованд наздик меоянд, китъаи муқаддасе
аз замин хоҳад буд, ва маконе барои хонаҳои онҳо ва ҷои
тақдисьёфтае барои хонаи муқаддас хоҳад буд+.
5 Ва дарозии бисту панҷ ҳазор зироъ ва фарохии даҳ ҳазор зироъ
барои левизодагоне ки дар хонаи муқаддас хизмат мекунанд, хоҳад
буд, то ки мулки онҳо барои бист утоқ бошад+.
6 Ва мулки шаҳрро, ки фарохияш панҷ ҳазор зироъ ва дарозияш
бисту панҷ ҳазор зироъ бошад, дар рӯ ба рӯи пешкаши муқаддас
бидиҳед; он аз они тамоми хонадони Исроил хоҳад буд+.

## Ҳиссаи раис.

7 Ва мулк барои раис аз ин тараф ва аз он тарафи пешкаши
муқаддас ва мулки шаҳр, аз паҳлуи пешкаши муқаддас ва аз паҳлуи
мулки шаҳр, аз ҷониби ғарбӣ ба сарҳади марзи ғарбӣ ва аз ҷониби
шарқӣ ба сарҳади марзи шарқӣ хоҳад буд, ва дарозии он баробари
ҳар ҳисса аз сарҳади ғарбӣ то сарҳади шарқӣ хоҳад буд+.
8 Ин ҳиссаи замин мулки ӯ дар Исроил хоҳад буд, то ки раисони
Ман қавми Маро дигар ба танг наоваранд, ва заминро ба хонадони
Исроил бар тибқи сибтҳои онҳо бидиҳанд.
9 Худованд Худо чунин мегӯяд: бас аст шуморо, эй раисони
Исроил! Зулм ва ғоратро дур кунед, ва адлу инсоф ба амал оваред;

бедодии худро аз сари қавми Ман бардоред, мегӯяд Худованд Худо+.
10 Бигзор шуморо тарозуи дуруст ва эфаи дуруст ва бати дуруст
бошад+.
11 Эфа ва бат бояд як гунҷоиш дошта бошанд: бат ба даҳьяки ҳӯмер
баробар бошад; ва эфа низ ба даҳьяки ҳӯмер, — андозаи он мувофиқи
ҳӯмер хоҳад буд.
12 Ва дар сикл бист ҷеро* хоҳад буд; бист сикл, бисту панҷ сикл,
даҳ ва панҷ сикл, — инҳо ба минои шумо ҳамроҳ хоҳад шуд+.
13 Пешкаше ки шумо бояд бидиҳед, ин аст: шашьяки эфа аз ҳар
ҳӯмери гандум, ва шашьяки эфа аз ҳар ҳӯмери ҷав.
14 Ва қарордод дар бораи равған: бат андозаи равған аст; даҳьяки
бат аз ҳар кӯр бидиҳанд; даҳ бат як ҳӯмер аст, зеро ки як ҳӯмер даҳ
бат дорад.
15 Ва як гӯсфанд аз рамаи дорои дусад сар гӯсфанд аз чарогоҳи
сероби Исроил, барои ҳадияи ордӣ ва қурбонии сӯхтанӣ ва
қурбониҳои саломатӣ бидиҳанд, то ки барояшон кафорат гардад,
мегӯяд Худованд Худо.
16 Тамоми қавми замин вазифадор мебошанд ин пешкашро ба
раиси Исроил бидиҳанд.
17 Ва раис вазифадор аст қурбониҳои сӯхтанӣ ва ҳадияҳои ордӣ ва
ҳадияҳои рехтаниро дар идхо ва навмоҳҳо ва шанбеҳо, дар ҳамаи
мавсимҳои хонадони Исроил бидиҳад; ӯ қурбонии гуноҳ ва ҳадияи
ордӣ ва қурбонии сӯхтанӣ ва қурбониҳои саломатиро барои
кафорати хонадони Исроил хоҳад овард+.
18 Худованд Худо чунин мегӯяд: дар рӯзи аввали моҳи якум
гӯсолаи нари беайбе бигир, ва хонаи муқаддасро аз гуноҳ пок намо+.
19 Ва бигзор коҳин аз хуни он қурбонии гуноҳ гирифта, бар
паҳлудариҳои ин хона, ва бар чор гӯшаи барҷастагии қурбонгоҳ, ва
бар паҳлудариҳои дарвозаи саҳни дохилӣ бипошад+.
20 Ва дар рӯзи ҳафтуми моҳ барои ҳар касе ки саҳван ва ё аз рӯи
соддадилӣ гуноҳ карда бошад, ҳамин тавр амал намо; ва хонаро
кафорат кунед.
21 Дар рӯзи чордаҳуми моҳи якум барои шумо фисҳ, иди ҳафтрӯза,
хоҳад буд, ки дар он бояд фатир бихӯранд+.

22 Ва дар он рӯз раис бояд барои худаш ва барои қавми замин
нарговеро ҳамчун қурбонии гуноҳ биёрад;
23 Ва дар ҳафт рӯзи ид, дар ҳар рӯзи ин ҳафт рӯз, ҳафт наргов ва
ҳафт қӯчқори беайбро барои Худованд ҳамчун қурбонии сӯхтанӣ
биёрад: ва ҳар рӯз нарбузеро ҳамчун қурбонии гуноҳ биёрад;+
24 Ва ҳадияи ордиро ба андозаи як эфа бо ҳар наргов ва як эфа бо
ҳар қӯчқор, ва равғанро ба андозаи як ҳин бо ҳар эфа биёрад+.
25 Дар рӯзи понздаҳуми моҳи ҳафтум, дар ид, ӯ бояд ҳафт рӯз
мисли инҳо, яъне: чунин қурбонии гуноҳ, чунин қурбонии сӯхтанӣ,
чунин ҳадияи ордӣ ва чунин миқдори равған биёрад+.

## Қурбониҳое ки раис ва қавм меоваранд.

**46** [1] Худованд Худо чунин мегӯяд: дарвозаи саҳни дохилӣ, ки рӯ
ба ҷониби шарқ аст, бояд дар шаш рӯзи кор баста бошад, ва дар
рӯзи шанбе кушода шавад, ва дар рӯзи навмоҳ кушода шавад.
[2] Ва раис бо роҳи равоқи дарвоза аз саҳни берунӣ дохил шуда,
назди паҳлудариҳои ин дарвоза меистад, ва коҳинон қурбонии
сӯхтании ӯ ва қурбониҳои саломатии ӯро забҳ менамоянд, ва ӯ бар
остонаи дарвоза саҷда карда, берун меояд; ва дарвоза то шомгоҳ
баста намешавад+.
[3] Ва қавми замин дар шанбеҳо ва навмоҳҳо дар даҳани он дарвоза
ба ҳузури Худованд саҷда хоҳанд кард.
[4] Ва қурбонии сӯхтание ки раис барои Худованд дар рӯзи шанбе
меоварад, шаш гӯсфанди беайб ва як қӯчқори беайб хоҳад буд;+
[5] Ва ҳадияи ордӣ як эфа бо қӯчқор бояд биёрад; ва ҳадияи ордӣ бо
гӯсфандон ба андозае ки аз дасташ ояд; ва равған ба андозаи як ҳин
бо ҳар эфа бояд биёрад.
[6] Ва дар рӯзи навмоҳ гӯсолаи нари беайб, ва шаш гӯсфанд ва як
қӯчқор, ки беайб бошанд, бояд қурбонӣ кунад+.
[7] Ва ҳадияи ордӣ як эфа бо наргов, ва як эфа бо қӯчқор бояд
биёрад, ва бо гӯсфандон — ба андозае ки аз дасташ ояд; ва равған ба
андозаи як ҳин бо ҳар эфа бояд биёрад.
[8] Ва ҳангоме ки раис меояд, бо роҳи равоқи дарвоза бояд дохил
шавад, ва бо ҳамон роҳ берун равад.
[9] Ва ҳангоме ки қавми замин дар мавсимҳо ба ҳузури Худованд
меоянд, ҳар кӣ аз дарвозаи шимолӣ барои ибодат дохил шуда бошад,
бояд аз дарвозаи ҷанубӣ берун равад, ва ҳар кӣ аз дарвозаи ҷанубӣ
дохил шуда бошад, бояд аз дарвозаи шимолӣ берун равад; набояд аз
дарвозае ки дохил шудааст, баргардад, балки аз дарвозаи рӯ ба рӯи
он бояд берун равад+.
[10] Ва раис андаруни онҳо бояд бошад: ҳангоме ки онҳо дохил
мешаванд, ӯ низ дохил шавад, ва ҳангоме ки онҳо берун мераванд, ӯ
низ берун равад.
[11] Ва дар идҳо ва мавсимҳо ҳадияи ордӣ як эфа бо наргов ва як эфа
бо кӯчқор бояд биёрад, ва бо гӯсфандон ба андозае ки аз дасташ ояд;
ва равған як ҳин бо ҳар эфа бояд биёрад.

12 Ва ҳангоме ки раис қурбонии ихтиёрӣ мекунад, яъне барои
Худованд ба таври ихтиёрӣ қурбонии сӯхтанӣ ё қурбониҳои
саломатӣ меоварад, бигзор дарвозаеро, ки рӯ ба ҷониби шарқ аст,
барои ӯ кушоянд, ва ӯ қурбонии сӯхтании худ ва қурбониҳои
саломатии худро забҳ намояд, чунон ки дар рӯзи шанбе забҳ
менамояд; ва ӯ берун равад, ва баъд аз рафтанаш дарвозаро
бибанданд+.
13 Ва барраи яксолаи беайберо ҳар рӯз барои Худованд ҳамчун
қурбонии сӯхтанӣ биёр; ҳар субҳ онро қурбонӣ намо+.
14 Ва ба замми он ҳар субҳ ҳадияи ордӣ ба андозаи шашьяки эфа,
ва равған ба андозаи сеяки ҳин биёр, то ки орд дар он омехта шавад;
ин ҳадияи ордӣ барои Худованд бар тибқи фароизи абадӣ ба таври
доимӣ хоҳад буд.
15 Бигзор барра ва ҳадияи ордӣ ва равғанро ҳар субҳ ҳамчун
қурбонии сӯхтании доимӣ биёранд.
16 Худованд Худо чунин мегӯяд: агар раис ба яке аз писарони худ
бахшише диҳад, ин мероси вай ҳисоб ёфта, аз они писаронаш хоҳад
шуд: ин мулки ирсии онҳо хоҳад буд.
17 Вале агар аз мулки ирсии худ ба яке аз ғуломонаш бахшише
диҳад, то соли озодӣ аз они вай хоҳад буд, ва ба раис хоҳад баргашт;
аммо мулки ирсие ки ӯ ба писаронаш дода бошад, аз они онҳо хоҳад
буд+.
18 Валекин раис ҳақ надорад аз насибаи қавм гирифта, онҳоро аз
мулкашон маҳрум созад, балки фақат аз мулки худаш метавонад ба
писаронаш мерос диҳад, то ки ҳеҷ кас аз қавми Ман аз мулки худ
ронда нашавад“»+.

## Маконе ки дар он ҷо қурбониҳоро мепухтанд.

19 Ва маро аз даромадгоҳе ки дар паҳлуи дарвоза буд, ба утоқҳои
муқаддаси коҳинон, ки рӯ ба ҷониби шимол буд, овард, ва инак, дар
он ҷо ба ҳар ду канор ба самти ғарбӣ маконе буд.
20 Ва ба ман гуфт: «Ин маконест, ки коҳинон дар он ҷо қурбонии
ҷурм ва қурбонии гуноҳро меҷӯшонанд, ва ҳадияи ордиро мепазанд,
бе он ки онро ба саҳни берунӣ бароварда, қавмро тақдис намоянд».
21 Ва маро ба саҳни берунӣ баровард, ва маро аз чор гӯшаи саҳн
гузаронд; ва инак, саҳне дар гӯшаи саҳн, саҳне дар гӯшаи саҳн буд.

22 Дар ҳар чор гӯшаи саҳн саҳнҳои болокушодае буданд, ки чил
зироъ дарозӣ ва сӣ зироъ фарохӣ доштанд; ҳар чор саҳни гӯшаро
андозаи баробар буд.
23 Ва дар гирди онҳо, дар гирди ҳар чорашон қаторҳои санг буд; ва
дар зери он қаторҳо гирдогирд оташдонҳо сохта шуда буд.
24 Ва ба ман гуфт: «Инҳо хонаи пухтупаз аст, ки хизматгузорони
маъбад дар он ҷо қурбониҳои қавмро мепазанд».

## Дар бораи обе ки аз таги маъбад ҷорӣ мешавад.

**47**

1 Ва маро назди даромадгоҳи маъбад овард, ва инак, аз таги остонаи маъбад об ба тарафи шарқ ҷорӣ буд, зеро ки маъбад рӯ ба ҷониби шарқ буд; ва об аз таг, аз паҳлуи ҷанубии маъбад, аз тарафи ҷанубии қурбонгоҳ ҷараён дошт+.

2 Ва маро аз дарвозаи шимолӣ берун овард, ва маро бо роҳи берунӣ ба сӯи дарвозаи берунӣ, бо роҳе ки рӯ ба ҷониби шарқ аст, давр занонд; ва инак, об аз паҳлуи ҷанубӣ чорӣ мешуд.

3 Ҳангоме ки он мард ба ҷониби шарқ берун омад, ресмон дар дасташ буд; ва ҳазор зироъ андоза кард, ва маро аз об гузаронд; об то буҷулаки пой буд+.

4 Ва ҳазор зироъ андоза кард, ва маро аз об гузаронд; об то сари зону буд. Ва ҳазор зироъ андоза кард, ва маро гузаронд; об то камар буд.

5 Ва ҳазор зироъ андоза кард, — наҳре буд, ки аз он наметавонистам убур намоям, зеро ки об бағоят баланд шуда буд, обе ки аз он фақат шино кардан мумкин буд, наҳре ки аз он қадам зада гузаштан ғайриимкон буд.

6 Ва ба ман гуфт: «Оё дидӣ, эй писари одам?» Ва маро бурда, ба сохили наҳр баргардонид.

7 Ва ҳангоме ки баргаштам, инак дар соҳили наҳр, аз ин тараф ва аз он тараф, хеле бисьёр дарахтон буд.

8 Ва ба ман гуфт: «Ин обҳо сӯи ноҳияи шарқӣ ҷорӣ мешавад, ва ба водии Урдун фурӯд омада, ба баҳри Намак медарояд; ҳамин ки ба баҳр дарояд, обҳои он солим мегардад+.

9 Ва чунин воқеъ хоҳад шуд, ки ҳар ҷони зиндаи хазанда дар ҳар ҷое ки ҷараёни он наҳр дохил шавад, зинда хоҳад монд, ва моҳӣ бағоят фаровон хоҳад шуд, зеро ки ба он ҷо ин обҳо омада, он солим хоҳад шуд, ва ба ҳар ҷое ки ин наҳр дохил шавад, ҳар чиз зинда хоҳад монд.

10 Ва моҳигирон назди он хоҳанд истод; аз Айн-Ҷадӣ то Айн-Аҷлоим макони паҳн кардани тӯрҳои онҳо хоҳад шуд; моҳии онҳо аз ҷинсҳои гуногун ва мисли моҳии баҳри Кабир бағоят фаровон хоҳад буд+.

[11] Вале ботлоқҳо ва ҳавзҳои он солим нагардида, барои намак
гузошта хоҳад шуд.
[12] Ва бар соҳили наҳр, аз ин тараф ва аз он тараф, ҳар навъ
дарахтони ғизоовар хоҳанд рӯид; баргҳои онҳо пажмурда нахоҳад
шуд, ва меваи онҳо тамомият нахоҳад дошт: ҳар моҳ меваи тоза
пайдо хоҳад шуд, зеро ки оби он аз маъбад ҷорӣ мешавад; меваи онҳо
барои хӯрок ва баргҳои онҳо барои даво хоҳад буд»+.

## Дар бораи ҳудуди замин.

[13] •Худованд Худо чунин мегӯяд: «Ин аст ҳудуде ки заминро
мувофиқи он ба дувоздаҳ сибти Исроил ҳамчун мулки ирсӣ тақсим
хоҳед кард: ба Юсуф ду ҳисса.
[14] Ва шумо, ҳар яке баробари дигаре, онро тасарруф хоҳед намуд,
чунки Ман дасти Худро бардошта қасам ёд кардаам, ки онро ба
падарони шумо бидиҳам; ва ин замин насиби шумо хоҳад шуд+.
[15] Ва ҳудуди замин ин аст: дар канори шимолӣ аз баҳри Кабир бо
роҳи Ҳатлун то даромадгоҳи Садад,
[16] Ҳамот, Берута ва Сиброим, ки дар миёни сарҳади Димишқ ва
сарҳади Ҳамот аст, ва Ҳасар-Ҳатихун, ки назди сарҳади Ҳаврон аст.
[17] Ва сарҳад аз баҳр то Ҳасар-Энон, ҳудуди Димишқ, ва ба самти
шимол ҳудуди Ҳамот хоҳад буд; ва ин аст канори шимолӣ.
[18] Ва канори шарқӣ дар миёни Ҳаврон ва Димишқ ва дар миёни
Ҷилъод ва замини Исроил Урдун хоҳад буд; аз ин сарҳад то баҳри
Шарқӣ андоза намоед; ва ин аст канори шарқӣ.
[19] Ва канори ҷанубӣ, ба тарафи ҷануб, аз Томор то обҳои Марибут-
Қодеш ва наҳри сӯи баҳри Кабир хоҳад буд; ва ин аст канори ҷанубӣ
ба тарафи ҷануб+.
[20] Ва канори ғарбӣ баҳри Кабир аз сарҳади ҷанубӣ то даромадгоҳи
Ҳамот хоҳад буд; ин аст канори ғарбӣ.
[21] Ва ин заминро барои худ бар тибқи сибтҳои Исроил тақсим
кунед.
[22] Ва чунин хоҳад шуд, ки онро ҳамчун мулки ирсӣ барои худатон
ва барои ғарибоне ки андаруни шумо сукунат доранд ва андаруни
шумо фарзандон ба дунъё овардаанд, бо куръа тақсим хоҳед кард; ва
онҳо назди шумо, дар миёни банӣ-Исроил, бояд мисли мардуми

маҳаллӣ ба шумор раванд, ва бо шумо, андаруни сибтҳои Исроил, мулки ирсиро бо қуръа тақсим кунанд+.
[23] Ва чунин хоҳад шуд, ки дар кадом сибте ки ғариб сукунат дошта бошад, дар он ҷо мулки ирсии варо хоҳед дод, мегӯяд Худованд Худо».

## Тақсимоти замин дар миёни сибтҳо.

48 [1] Ва ин аст номҳои сибтҳо: аз канори сарҳади шимолӣ ба
дарозии роҳи Ҳатлун ва даромадгоҳи Ҳамот ва Ҳасар-Энон, аз
он тарафи сарҳади шимолии Димишқ, назди Ҳамот, — аз канори
шарқӣ то канори ғарбӣ аз они ӯ хоҳад буд, — барои Дон як ҳисса+.
[2] Ва назди сарҳади Дон, аз канори шарқӣ то канори ғарбӣ, — барои
Ошер як ҳисса+.
[3] Ва назди сарҳади Ошер, аз канори шарқӣ то канори ғарбӣ, —
барои Нафтолӣ як ҳисса+.
[4] Ва назди сарҳади Нафтолӣ, аз канори шарқӣ то канори ғарбӣ, —
барои Менашше як ҳисса+.
[5] Ва назди сарҳади Менашше, аз канори шарқӣ то канори ғарбӣ, —
барои Эфроим як ҳисса+.
[6] Ва назди сарҳади Эфроим, аз канори шарқӣ то канори ғарбӣ, —
барои Реубен як ҳисса+.
[7] Ва назди сарҳади Реубен, аз канори шарқӣ то канори ғарбӣ, —
барои Яҳудо як ҳисса+.
[8] Ва назди сарҳади Яҳудо, аз канори шарқӣ то канори ғарбӣ,
пешкаше ки медиҳед, хоҳад буд: фарохии он бисту панҷ ҳазор зироъ
ва дарозии он мисли яке аз ҳиссаҳо, аз канори шарқӣ то канори
ғарбӣ; ва андаруни он хонаи муқаддас хоҳад буд+.
[9] Пешкаше ки барои Худованд медиҳед, дарозияш бисту панҷ
ҳазор зироъ ва фарохияш даҳ ҳазор зироъ хоҳад буд+.

## Қитъаи коҳинон.

[10] Ва ин пешкаши муқаддас барои инҳо хоҳад буд: барои коҳинон
ба тарафи шимолӣ дарозияш бисту панҷ ҳазор зироъ, ва ба тарафи
ғарбӣ фарохияш даҳ ҳазор зироъ, ва ба тарафи шарқӣ фарохияш даҳ
ҳазор, ва ба тарафи ҷанубӣ дарозияш бисту панҷ ҳазор; ва хонаи
муқаддаси Худованд андаруни он хоҳад буд.
[11] Ин барои коҳинони тақдисьёфтаи банӣ-Содӯқ хоҳад буд, ки
онҳо хизмати навбатдории Маро ба ҷо овардаанд ва дар вақти
гумроҳ шудани банӣ-Исроил гумроҳ нашудаанд, чунон ки
левизодагон гумроҳ шуда буданд+.

[12] Ва ин барои онҳо пешкаши алоҳидае аз пешкаши замин, яъне
қудси қудсҳо, назди сарҳади левизодагон хоҳад буд.
[13] Ва ҳиссаи левизодагон, дар рӯ ба рӯи сарҳади коҳинон, бисту
панҷ ҳазор зироъ дарозӣ ва даҳ ҳазор зироъ фароҳӣ хоҳад дошт;
тамоми дарозии он бисту панҷ ҳазор ва фарохии он даҳ ҳазор хоҳад
буд+.
[14] Ва чизе аз он нахоҳанд фурӯхт ва иваз нахоҳанд кард, ва ин
навбари замин ба дигарон гузаронида нахоҳад шуд, зеро ки он барои
Худованд муқаддас аст.
[15] Ва панҷ ҳазоре ки аз фарохии он ба дарозии бисту панҷ ҳазор
боқӣ мемонад, сатҳи ғайримуқаддас барои шаҳр, яъне барои
истиқоматгоҳҳо ва барои майдонҳои холӣ хоҳад буд, ва шаҳр
андаруни он вуҷуд хоҳад дошт+.
[16] Ва ин аст андозаҳои он: канори шимолӣ чор ҳазору панҷсад
зироъ, ва канори ҷанубӣ чор ҳазору панҷсад, ва канори шарқӣ чор
ҳазору панҷсад, ва канори ғарбӣ чор ҳазору панҷсад+.
[17] Ва майдони холӣ дар гирди шаҳр аз шимол дусаду панҷоҳ
зироъ, ва аз ҷануб дусаду панҷоҳ, ва аз шарқ дусаду панҷоҳ, ва аз ғарб
дусаду панҷоҳ хоҳад буд.
[18] Ва он чи аз дарозии он дар рӯ ба рӯи пешкаши муқаддас, — даҳ
ҳазор зироъ аз шарқ ва даҳ ҳазор аз ғарб, — боқӣ мемонад, дар рӯ ба
рӯи пешкаши муқаддас мебошад, ва ҳосилоти он барои хӯроки
коркунони шаҳр хоҳад буд.
[19] Ва коркунони шаҳр аз ҳамаи сибтҳои Исроил буда, онро кишт
хоҳанд кард.
[20] Тамоми пешкашро, ки бисту панҷ ҳазор зироъ бар бисту панҷ
ҳазор, яъне мураббаъ хоҳад буд, ҳамчун пешкаши муқаддас бо
якҷоягии мулки шаҳр ҷудо кунед.

## Қитъаи раис.

[21] Ва он чи аз ин тараф ва аз он тарафи пешкаши муқаддас ва мулқи шаҳр боқӣ мемонад, аз они раис хоҳад буд, яъне назди бисту панҷ ҳазори пешкаш то сарҳади шарқӣ, ва аз ғарб — назди бисту панҷ ҳазор то сарҳади ғарбӣ, дар рӯ ба рӯи ҳиссаҳо, аз они раис хоҳад буд; ва пешкаши муқаддас, ва хонаи муқаддас андаруни он хоҳад буд+.

[22] Ва он чи аз мулки левизодагон ва аз мулки шаҳр андаруни мулки раис аст, яъне он чи дар миёни сарҳади Яҳудо ва сарҳади Биньёмин мебошад, аз они раис хоҳад буд.

[23] Ва барои сибтҳои боқӣ: аз канори шарқӣ то канори ғарбӣ, — барои Биньёмин як ҳисса+.

[24] Ва назди сарҳади Биньёмин, аз канори шарқӣ то канори ғарбӣ, — барои Шимъӯн як ҳисса+.

[25] Ва назди сарҳади Шимъӯн, аз канори шарқӣ то канори ғарбӣ, — барои Иссокор як ҳисса+.

[26] Ва назди сарҳади Иссокор, аз канори шарқӣ то канори ғарбӣ, — барои Забулун як ҳисса+.

[27] Ва назди сарҳади Забулун, аз канори шарқӣ то канори ғарбӣ, — барои Ҷод як ҳисса+.

[28] Ва назди сарҳади Ҷод, дар канори ҷанубӣ, ба тарафи ҷануб, аз Томор то обҳои Марибут-Қодеш ва наҳри сӯи баҳри Кабир сарҳад хоҳад буд+.

[29] Ин аст замине ки ба сибтҳои Исроил ҳамчун мулки ирсӣ тақсим хоҳед кард, ва ин аст ҳиссаҳои онҳо, мегӯяд Худованд Худо.

## Дар бораи шаҳр ва дарвозаҳои он.

[30] Ва ин аст баромадгоҳҳои шаҳр: дар канори шимолӣ чор ҳазору панҷсад зироъ масофа;+

[31] Ва дарвозаҳои шаҳр бо номҳои сибтҳои Исроил хонда хоҳад шуд; се дарвоза дар шимол: як дарвозаи Реубен, як дарвозаи Яҳудо, як дарвозаи Левӣ.

[32] Ва дар канори шарқӣ чор ҳазору панҷсад зироъ, ва се дарвоза: як дарвозаи Юсуф, як дарвозаи Биньёмин, як дарвозаи Дон.

[33] Ва дар канори ҷанубӣ чор ҳазору панҷсад зироъ масофа, ва се дарвоза: як дарвозаи Шимъӯн, як дарвозаи Иссокор, як дарвозаи

Забулун.
34 Дар канори ғарбӣ чор ҳазору панҷсад зироъ; дарвозаҳо сето: як
дарвозаи Ҷод, як дарвозаи Ошер, як дарвозаи Нафтолӣ.
35 Гирдогирд ҳаждаҳ ҳазор зироъ; ва номи шаҳр аз он рӯз:
«Худованд он ҷост» хоҳад буд+.

---

* 8:14 **Таммуз** — худои бобилӣ-шумерӣ, ки рамзи қуввати табиат ҳисоб меёфт, қуввате ки дар фасли зимистон хобида, баъд боз аз гармии офтоб бедор мешудааст.

* 20:5 Дастро боло бардоштан маънои қасам хӯрданро дорад.

* 20:29 **Бома** — баландӣ; макони баланд; минбар.

* 31:3 **Ашшур** — дарахти теашшур (шамшод) дар назар дошта шудааст, ки яке аз навъҳои дарахти арз аст.

* 39:16 **Ҳамуна** — анбӯҳ.

* 40:5 **Зироъ** — андозаи дарозии қадимӣ, ки аз 6 қабза (ҳар қабза — тақрибан 10 сантиметр) иборат буд. Ин — зирои хурд буд. Ғайр аз ин, зирои калон буд, ки аз 7 қабза иборат буд.

* 40:5 **Най** — андозаи дарозии қадимӣ, ки аз 6 зирои калон (ё тақрибан 4 метр) иборат буд.

* 45:12 **Черо** — пули майдаи қадимӣ, ки баробари аз бист як қисми сиқл (тақрибан 0,75 грамм) буд.

---

● 1:1 *Ҳиз. 10:7-20*

\+ 1:1 Ҳиз. 3:15, Ҳиз. 10:15, Ҳиз. 43:3, Аъм. 7:56, Аъм. 10:11, Ваҳй 19:11, Ҳиз. 8:3, Ҳиз. 40:2

+ 1:2 4 Подш. 24:15

+ 1:3 3 Подш. 18:46, Ҳиз. 3:14, Ҳиз. 3:22, Ҳиз. 8:1, Ҳиз. 33:22, Ҳиз. 37:1, Ҳиз. 40:1, Ваҳй 1:10

+ 1:4 3 Подш. 19:11, Ирм. 23:19, Ирм. 30:23

+ 1:5 Ҳиз. 8:2, Ваҳй 4:6-8

+ 1:7 Ҳиз. 1:7, Ҳиз. 40:3, Дон. 10:6

+ 1:10 Ваҳй 4:7

+ 1:11 Иш. 6:2

+ 1:13 Заб. 103:4

+ 1:16 Дон. 10:6

+ 1:18 Ваҳй 4:8

+ 1:22 Хас. 1:7-8, Ҳиз. 10:1, Ваҳй 4:6

+ 1:24 Ҳиз. 43:2, Ваҳй 1:15

+ 1:26 Хур. 24:10, Ҳиз. 10:1, Дон. 7:13

+ 1:27 Ҳиз. 8:2, Хас. 9:13, Ваҳй 4:3, Ваҳй 10:1

+ 2:1 Дон. 8:17

+ 2:2 Ҳиз. 3:24

+ 2:3 Ҳиз. 20:21

+ 2:5 Ҳиз. 3:11, Ҳиз. 33:33, Зак. 2:9, Зак. 4:9, Зак. 6:15

+ 2:6 Ирм. 1:8, Ҳиз. 3:11, Мик. 7:4

+ 2:9 Ҳиз. 8:3, Дон. 10:10, Зак. 5:1, Ваҳй 10:2

+ 2:10 Ваҳй 5:1

+ 3:1 Ирм. 15:16, Ваҳй 10:9-10

+ 3:8 Ирм. 1:18

+ 3:9 Зак. 7:12, Иш. 50:7, Ирм. 1:18

+ 3:11 Ҳиз. 2:5, Ҳиз. 2:7

+ 3:12 4 Подш. 2:16, Ҳиз. 8:3, Ҳиз. 11:1, Ҳиз. 11:24, Ҳиз. 43:5, Аъм. 8:39

+ 3:13 Ҳиз. 1:11, Ҳиз. 1:15, Ҳиз. 1:24

+ 3:14 3 Подш. 18:46, Ҳиз. 1:3

+ 3:15 Ҳиз. 1:1, Ҳиз. 10:15, Ҳиз. 43:3, Айюб 2:13, Нав. 2:10

● 3:16 *Ҳиз. 33:1-9*

+ 3:17 Иш. 21:6, Ирм. 6:17, Ҳуш. 9:8, Ҳаб. 2:1, 2 Вак. 19:10

+ 3:19 Ҳиз. 33:9

+ 3:20 Ирм. 6:21, Ҳиз. 18:24

+ 3:22 3 Подш. 18:46, Ҳиз. 1:3, Ҳиз. 8:4, Ҳиз. 37:1

+ 3:23 Ҳиз. 2:1-2

+ 3:25 Ҳиз. 4:8

+ 3:26 Айюб 29:10, Заб. 136:6

+ 3:27 Ҳиз. 24:27

+ 4:2 4 Подш. 25:1, Ҳиз. 17:17

+ 4:6 Ад. 14:34

+ 4:8 4 Подш. 25:1-3, Ирм. 39:1-2, Ирм. 52:4-6, Ҳиз. 3:25

+ 4:13 Дон. 1:8, Ҳуш. 9:3

+ 4:14 Иб. 11:2, Так. Шар. 14:3, Аъм. 10:14, Хур. 22:31, Иб. 11:39, Иб. 22:8

+ 4:16 Иб. 26:26, Иш. 3:1, Ҳиз. 5:16, Ҳиз. 14:13, Ҳиз. 12:19

+ 5:2 Ҳиз. 4:8, Ҳиз. 5:12

+ 5:3 Ирм. 40:6, Ирм. 52:16

+ 5:6 Ҳиз. 16:47-48

+ 5:8 Ҳиз. 13:8

+ 5:9 Дон. 9:12

+ 5:10 Иб. 26:29, Так. Шар. 28:57, Нав. 4:10, Ирм. 19:9, Иб. 26:33, Так. Шар. 4:27, Так. Шар. 28:64, Наҳ. 1:8, Ирм. 9:16, Ҳиз. 12:14-15, Зак. 2:6, Зак. 7:14

+ 5:11 Иб. 15:31, 2 Вак. 36:14, Ирм. 7:30, Ҳиз. 8:5-6, Иш. 49:18, Саф. 2:9, Ҳиз. 7:4, Ҳиз. 8:18, Ҳиз. 9:10

+ 5:12 Ҳиз. 5:2

+ 5:13 Ҳиз. 16:42

+ 5:15 Так. Шар. 28:37

+ 5:16 Так. Шар. 32:23, Иб. 26:26, Ҳиз. 4:16

+ 5:17 Так. Шар. 32:24, Ҳиз. 14:21, Ваҳй 6:8

+ 6:2 Ҳиз. 21:2-3, Ҳиз. 36:1

+ 6:4 2 Вак. 14:5

+ 6:5 Иб. 26:30, 4 Подш. 23:16

+ 6:8 Ҳиз. 12:16, Ҳиз. 14:22

+ 6:9 Хур. 34:15, Ҳиз. 16:61, Ҳиз. 20:43, Ҳиз. 36:31

+ 6:11 Ҳиз. 5:12

+ 6:13 Ирм. 2:20, Ҳуш. 4:13

+ 7:2 Нав. 4:18, Ом. 8:2

+ 7:4 Ҳиз. 5:11, Ҳиз. 7:9, Ҳиз. 8:18, Ҳиз. 9:10

+ 7:7 Саф. 1:14-15

+ 7:9 Ҳиз. 5:11

+ 7:13 Иб. 25:13-14

+ 7:15 Так. Шар. 32:25, Нав. 1:21, Ҳиз. 5:12, Ҳиз. 6:11, Ирм. 14:18

+ 7:16 Иш. 38:14, Наҳум 2:7

+ 7:17 Иш. 13:7, Ҳиз. 21:7

+ 7:18 Иш. 15:2-3

+ 7:19 Мас. 11:4, Саф. 1:18

+ 7:23 Заб. 54:10, Ирм. 6:7

+ 7:24 Ҳаб. 1:7

+ 7:26 Ирм. 4:20

+ 8:1 Ҳиз. 14:1, Ҳиз. 20:1, 3 Подш. 18:46, Ҳиз. 1:3

+ 8:2 Ҳиз. 1:5, Ҳиз. 1:27-28

+ 8:3 Ҳиз. 2:9, 3 Подш. 18:12, Ҳиз. 3:12, Ҳиз. 1:1, Ҳиз. 11:1, Ҳиз. 40:2, 3 Подш. 18:12, Ҳиз. 3:12, Аъм. 8:39

+ 8:4 Ҳиз. 37:1

+ 8:8 Ҳиз. 12:5

+ 8:10 Хур. 20:4-5, Так. Шар. 4:16-18

+ 8:12 Заб. 9:32, Иш. 29:15, Ҳиз. 9:9

+ 8:16 Ҳиз. 40:28, 3 Подш. 6:3, Юил 2:17, Ирм. 8:2

+ 8:18 Ҳиз. 5:11, Ҳиз. 7:4, Ҳиз. 9:10, 1 Подш. 8:18, Айюб 27:8-9, Иш. 1:15, Мик. 3:4

+ 9:2 4 Подш. 15:35, 2 Вак. 23:20, Дон. 10:5, Ваҳй 1:13

+ 9:4 Заб. 118:136, Ваҳй 7:3-4

+ 9:5 Ҳиз. 5:11

+ 9:6 Так. Шар. 28:49-50, 2 Вак. 36:17, Хур. 12:13

+ 9:8 Ҳиз. 11:13

+ 9:9 Ҳиз. 7:23, Заб. 9:32, Иш. 29:15, Ҳиз. 8:12

+ 9:10 Ҳиз. 5:11, Ҳиз. 7:4, Ҳиз. 8:18, Ҳуш. 13:14, Ҳиз. 11:21

● 10:1 *Ҳиз. 1:4-28*

+ 10:2 Ҳиз. 9:2

+ 10:3 3 Подш. 8:10

+ 10:12 Ваҳй 4:6

+ 10:15 Ҳиз. 1:1, Ҳиз. 3:15, Ҳиз. 43:3

+ 10:19 Ҳиз. 11:22

+ 11:1 3 Подш. 18:12, Ҳиз. 3:12, Ҳиз. 10:19, Ҳиз. 8:16

+ 11:6 Ҳиз. 7:23, Ҳиз. 24:7

+ 11:8 Ирм. 42:16

+ 11:13 Ҳиз. 9:8

+ 11:16 Иш. 8:14, Ваҳй 21:22

+ 11:17 Так. Шар. 30:3, Иш. 11:12, Ирм. 32:37, Саф. 3:20

+ 11:19 Ирм. 32:39, Ҳиз. 18:31, Ҳиз. 36:26

+ 11:20 Иб. 26:12, Ҳиз. 14:11, Зак. 13:9

+ 11:21 Ҳиз. 9:10

+ 11:22 Ҳиз. 10:19

+ 11:23 Зак. 14:4

+ 11:24 3 Подш. 18:12, Ҳиз. 3:12

+ 12:2 Иш. 42:18-20, Ирм. 5:21, Мат. 13:13, Марқ. 8:18

+ 12:3 Ирм. 36:3

+ 12:5 Ҳиз. 8:8

+ 12:9 Ҳиз. 21:7, Ҳиз. 24:19, Ҳиз. 37:18

+ 12:10 2 Вак. 36:11-13, Ҳиз. 21:25

+ 12:13 Ҳиз. 17:20, Ҳиз. 19:8, Ҳиз. 32:3, Ҳуш. 7:12

+ 12:14 Иб. 26:33, Ҳиз. 5:10

+ 12:15 Ҳиз. 6:7

+ 12:16 Ҳиз. 6:8, Ҳиз. 14:22

+ 12:19 Ҳиз. 4:16

+ 12:22 Иш. 5:19, 2 Пет. 3:4, Ҳиз. 16:44, Ҳиз. 18:2

+ 12:24 Ҳиз. 13:23, Мик. 3:6

+ 12:25 Иш. 55:11

+ 12:27 Дон. 10:14

+ 13:2 Ирм. 23:16, Ирм. 23:26

+ 13:5 Ҳиз. 22:30

+ 13:6 Ирм. 5:31, Ирм. 14:14, Ирм. 23:21, Ҳиз. 22:28

+ 13:8 Ирм. 23:30, Ҳиз. 5:8

+ 13:9 Ҳиз. 20:38, Ҳиз. 6:7

+ 13:10 Ирм. 6:14, Ирм. 8:11, Мик. 3:5

+ 13:11 Иш. 28:2, Иш. 28:17, Ҳиз. 38:22

+ 13:14 Ҳиз. 6:7

+ 13:19 Мас. 28:21

+ 13:22 Ирм. 23:14, Ҳиз. 18:21

+ 13:23 Ҳиз. 12:24, Мик. 3:6

+ 14:1 Ҳиз. 8:1, Ҳиз. 20:1

+ 14:3 4 Подш. 3:13, Ҳиз. 20:3, Ҳиз. 20:31

+ 14:6 Ҳиз. 18:30

+ 14:8 Так. Шар. 28:37, Ҳиз. 5:15, Ҳиз. 6:7

+ 14:9 3 Подш. 22:22-23, Ирм. 20:7

+ 14:11 Иб. 26:12, Ҳиз. 11:20, Зак. 13:9

+ 14:13 Иб. 26:25-26, Иш. 3:1, Ҳиз. 4:16, Ҳиз. 5:16-17

+ 14:14 Ҳас. 6:9, Айюб 1:1, Дон. 1:6, Дон. 6:4

+ 14:16 Ҳиз. 5:11

+ 14:17 Ҳиз. 29:8

+ 14:21 Ирм. 14:12, Ҳиз. 5:17, Ваҳй 6:8

+ 14:22 Ҳиз. 6:8, Ҳиз. 12:16

+ 15:2 Ҳиз. 17:6

+ 15:6 Ирм. 4:12, Ирм. 51:1, Ҳиз. 19:10, Ҳуш. 4:19

+ 16:2 Ҳиз. 20:4, Ҳиз. 22:2

+ 16:3 Ҳас. 15:16, Так. Шар. 7:1, Дов. 1:26

+ 16:6 Так. Шар. 32:10

+ 16:8 Рут 3:9, Хур. 19:5

+ 16:12 Ҳас. 24:22

+ 16:13 Так. Шар. 32:13-14

+ 16:15 Иб. 17:7, Иш. 1:21, Ҳиз. 23:3, Ирм. 2:20, Ҳуш. 1:2

+ 16:17 Ҳиз. 7:20, Ҳиз. 23:40-41

+ 16:19 Ҳуш. 2:8

+ 16:21 Ҳиз. 20:26, Ҳиз. 23:37

+ 16:25 Ирм. 3:2

+ 16:26 Ҳиз. 20:7, Ҳиз. 23:19

+ 16:28 4 Подш. 16:7-18, Ирм. 2:18, Ҳиз. 23:12

+ 16:29 Ҳиз. 23:14-17

+ 16:32 Ҳуш. 3:1

+ 16:33 Ҳуш. 8:9

+ 16:37 Ҳиз. 23:22, Нав. 1:8, Ҳиз. 23:29, Ҳуш. 2:10

+ 16:38 Иб. 20:10, Так. Шар. 22:22, Ҳиз. 23:45

+ 16:39 Ҳиз. 23:26, Ҳуш. 2:3

+ 16:40 Ҳиз. 23:47

+ 16:41 4 Подш. 25:9, Ирм. 39:8, Ирм. 52:13, Ҳиз. 23:27

+ 16:42 Ҳиз. 5:13

+ 16:44 Ҳиз. 12:22, Ҳиз. 18:2

+ 16:45 Ҳиз. 16:3

+ 16:46 Ҳас. 18:20, Иш. 1:10, Ирм. 23:14

+ 16:47 Ҳиз. 5:6-7

+ 16:48 Ҳиз. 5:11

+ 16:49 Ҳас. 13:10

+ 16:50 Ҳас. 13:13, Ҳас. 18:20

+ 16:51 Ирм. 3:11

+ 16:53 Ҳиз. 29:14, Ҳиз. 39:25

+ 16:60 Иб. 26:42, Иш. 55:3, Ирм. 32:40

+ 16:61 Ҳиз. 6:9, Ҳиз. 20:43, Ҳиз. 36:31

+ 16:62 Ҳиз. 6:7

+ 17:3 Так. Шар. 28:49, Ирм. 48:40, Ирм. 49:22

+ 17:5 Так. Шар. 8:7

+ 17:6 Ҳиз. 15:2-3

+ 17:10 Ҳиз. 19:12

+ 17:12 4 Подш. 24:12-15, Ирм. 24:1-2

+ 17:13 4 Подш. 24:17, Ирм. 37:1

+ 17:15 4 Подш. 24:20, 2 Вак. 36:13

+ 17:16 Ҳиз. 5:11

+ 17:17 4 Подш. 25:1, Ҳиз. 4:2, Ирм. 37:5

+ 17:20 Ҳиз. 12:13, Ҳиз. 17:20, Ҳиз. 32:3, Ҳуш. 7:12

+ 17:21 Ҳиз. 5:10

+ 17:23 Ҳиз. 20:40, Ҳиз. 31:6, Дон. 4:9, Мат. 13:32, Марк. 4:32

+ 17:24 Ҳиз. 20:47

● 18:1 *Ҳиз. 33:10-20*

+ 18:2 Ирм. 31:29, Нав. 5:7, Ҳиз. 12:22, Ҳиз. 16:44

+ 18:3 Ҳиз. 5:11

+ 18:4 Хур. 32:33, Так. Шар. 24:16

+ 18:6 Ҳиз. 22:9, Хур. 20:14, Иб. 18:19

+ 18:7 Хур. 22:26

+ 18:8 Хур. 22:25, Заб. 14:5

+ 18:9 Иб. 18:5, Ҳиз. 20:11, Рум. 10:5, Ғал. 3:12

+ 18:13 Иб. 20:9, Иб. 20:11, Ҳиз. 33:4

+ 18:19 Хур. 20:5

+ 18:20 Так. Шар. 24:16, 4 Подш. 14:6, Рум. 2:9, Иш. 3:10-11

+ 18:23 2 Пет. 3:9, 1 Тим. 2:4, 1 Тим. 2:6

+ 18:24 Ҳиз. 3:20

+ 18:30 Ҳиз. 14:6

+ 18:31 Ҳиз. 11:19, Ҳиз. 36:26

+ 19:2 Ҳас. 49:9

+ 19:4 Нав. 4:20

+ 19:5 4 Подш. 23:34, 4 Подш. 23:36

+ 19:8 Ҳиз. 12:13, Ҳиз. 17:20, Ҳиз. 32:3, Ҳуш. 7:12

+ 19:10 Ҳиз. 15:2, Ҳиз. 15:6

+ 19:12 Ирм. 4:12, Ирм. 51:1, Ҳиз. 17:10, Ҳуш. 4:19

+ 20:1 Ҳиз. 8:1, Ҳиз. 14:1

+ 20:3 4 Подш. 3:13, Ҳиз. 14:3, Ҳиз. 20:31, Ҳиз. 5:11

+ 20:4 Ҳиз. 22:2, Ҳиз. 23:36, Ҳиз. 16:2, Ҳиз. 22:2

+ 20:5 Хур. 6:7

+ 20:6 Хур. 3:8

+ 20:7 Иб. 18:3, Ҳиз. 16:26, Ҳиз. 23:19

+ 20:9 Заб. 105:8, Иш. 48:11

+ 20:10 Хур. 13:18, Хур. 13:20

+ 20:11 Иб. 18:5, Ҳиз. 18:9

+ 20:12 Ҳиз. 37:28, Ҳиз. 38:23, Хур. 20:8-11

+ 20:13 Иб. 19:30, Иб. 26:2, Ҳиз. 22:8, Ҳиз. 23:38, Хур. 32:10-14, Ад. 14:12-20

+ 20:15 Ад. 14:28-30, Заб. 94:11

+ 20:16 Заб. 77:37

+ 20:18 2 Вак. 30:7, Еҳ. 24:14

+ 20:19 Так. Шар. 5:32-33

+ 20:20 Хур. 20:8

+ 20:21 Ҳиз. 2:3

+ 20:23 Так. Шар. 28:64

+ 20:25 Заб. 80:13

+ 20:26 Ҳиз. 16:20-21, Ҳиз. 6:7

+ 20:28 Ҳиз. 6:13

+ 20:31 Ҳиз. 16:20-21, 4 Подш. 3:13, Ҳиз. 14:3, Ҳиз. 20:3, Ҳиз. 5:11

+ 20:32 Так. Шар. 4:28, 4 Подш. 19:18

+ 20:33 Ирм. 21:5

+ 20:34 Ирм. 31:8

+ 20:35 Ҳуш. 2:14

+ 20:36 Ад. 14:20-23, Ад. 14:28-30

+ 20:38 Ҳиз. 13:9

+ 20:39 Ҳиз. 39:7, Ҳиз. 43:7

+ 20:40 Иш. 56:7, Ҳиз. 17:23

+ 20:41 Ҳиз. 11:17, Ҳиз. 28:25, Ҳиз. 36:23, Ҳиз. 39:27

+ 20:42 Хур. 6:8

+ 20:43 Ҳиз. 6:9, Ҳиз. 16:61, Ҳиз. 36:31

+ 20:44 Заб. 102:10

+ 20:47 Ирм. 21:14, Ҳиз. 17:24, Луқ. 23:31, Ҳиз. 21:4

+ 20:48 Иш. 34:9-10, Ирм. 17:27

+ 20:49 Ҳиз. 17:2, Ҳиз. 24:3

+ 21:2 Ҳиз. 6:2

+ 21:3 Так. Шар. 32:41, Ирм. 47:6, Айюб 9:22, Воиз 9:2

+ 21:4 Ҳиз. 20:47

+ 21:7 Ҳиз. 12:9, Ҳиз. 7:17

+ 21:9 Так. Шар. 32:41

+ 21:20 Так. Шар. 3:11, 2 Подш. 12:26, Ҳиз. 25:4-5

+ 21:22 4 Подш. 25:1, Ирм. 39:1, Ирм. 52:4, Ҳиз. 4:2

+ 21:25 2 Вак. 36:13, Ҳиз. 12:10, Ҳиз. 35:5, Луқ. 1:52

+ 21:28 Ирм. 49:1-6, Ом. 1:13-15, Саф. 2:8

+ 21:29 Ҳиз. 13:6

+ 21:30 Ҳас. 19:30-37

+ 21:32 Ҳиз. 25:10

+ 22:2 Ҳиз. 20:4, Ҳиз. 23:36, Ҳиз. 16:2, Ҳиз. 20:4

+ 22:4 Ҳиз. 5:14

+ 22:7 Хур. 20:12, Хур. 22:21, Так. Шар. 24:17, Иш. 10:2

+ 22:8 Ҳиз. 20:13, Ҳиз. 23:38

+ 22:9 Иб. 19:16, Ҳиз. 18:6

+ 22:10 Ҳас. 35:22, Ҳас. 49:4, Так. Шар. 22:30, Так. Шар. 27:20

+ 22:11 Хур. 20:14, Хур. 20:17, Ирм. 5:8, Иб. 18:7-16

+ 22:12 Так. Шар. 27:25, Хур. 22:25, Иб. 25:36

+ 22:15 Ҳиз. 5:10

+ 22:18 Иш. 1:25, Зак. 13:9, Мал. 3:3

+ 22:24 3 Подш. 8:35

+ 22:25 Ирм. 11:9, Ҳиз. 19:3

+ 22:26 Ирм. 23:11, Саф. 3:4, Иб. 10:10, Иб. 11:47, Мал. 2:8, Ирм. 17:27

+ 22:27 Саф. 3:3

+ 22:28 Ҳиз. 13:6, Ҳиз. 13:10

+ 22:30 Заб. 105:23, Ҳиз. 13:5

+ 22:31 Ҳиз. 9:10

+ 23:3 Иб. 17:7, Иш. 1:21, Ҳиз. 16:15

+ 23:5 Ҳуш. 2:5

+ 23:9 4 Подш. 17:5-6

+ 23:11 4 Подш. 17:19, Ирм. 3:8, Ирм. 3:11

+ 23:12 Ирм. 2:18, Ҳиз. 16:28

+ 23:14 Наҳум 2:3, Ҳиз. 16:29

+ 23:17 Иш. 57:8

+ 23:19 Ҳиз. 16:26, Ҳиз. 20:7

+ 23:22 Ҳиз. 16:37

+ 23:23 Ирм. 50:21

+ 23:24 4 Подш. 25:6

+ 23:26 Ҳиз. 16:39

+ 23:27 Ҳиз. 16:41

+ 23:30 Хур. 34:15

+ 23:31 Иш. 51:17

+ 23:34 Заб. 74:9

+ 23:35 3 Подш. 14:9

+ 23:36 Ҳиз. 20:4, Ҳиз. 22:2

+ 23:37 Ҳиз. 16:38, Ҳиз. 16:20-21, Ҳиз. 20:26

+ 23:38 Иб. 15:31, 2 Вак. 36:14, Ҳиз. 5:11, Ирм. 7:30, Ҳиз. 20:13, Ҳиз. 22:8

+ 23:39 Ҳиз. 23:11

+ 23:40 Ирм. 4:30, Ҳиз. 16:17-18, Ҳуш. 2:13

+ 23:45 Ҳиз. 16:38

+ 23:47 Ҳиз. 16:40, 2 Вак. 36:17-19

+ 23:48 Ҳиз. 16:41

+ 23:49 Ҳиз. 6:7

+ 24:2 4 Подш. 25:1, Ирм. 39:1, Ирм. 52:4

+ 24:3 Ҳиз. 11:3, Ҳиз. 11:7

+ 24:6 Ҳиз. 22:2, Наҳум 3:1

+ 24:7 Иб. 17:13, Так. Шар. 12:16, Так. Шар. 12:24

+ 24:9 Наҳум 3:1, Иш. 30:33

+ 24:12 Ирм. 2:22

+ 24:14 Ҳиз. 5:11

+ 24:16 Ирм. 16:5

+ 24:17 Иб. 10:6, Иб. 21:10, Так. Шар. 26:14

+ 24:19 Ҳиз. 12:9, Ҳиз. 21:7

+ 24:21 2 Вак. 36:17, Ҳиз. 23:47

+ 24:23 Ҳиз. 4:17, Ҳиз. 33:10

+ 24:24 Ҳиз. 6:7

+ 24:26 Ҳиз. 33:21-22

+ 24:27 Ҳиз. 3:26-27

+ 25:2 Ирм. 49:1-6, Ҳиз. 21:28, Ом. 1:13-15, Саф. 2:8

+ 25:3 Саф. 2:8

+ 25:5 2 Подш. 11:1, 2 Подш. 12:26, Ҳиз. 21:20

+ 25:7 Ҳиз. 6:14

+ 25:9 Иш. 15:1, Иш. 25:10, Ирм. 48:1, Ом. 2:1-3, Саф. 2:8, Еҳ. 13:17-19

+ 25:10 Ҳиз. 21:32

+ 25:12 2 Вак. 28:17

+ 25:13 Иш. 34:5, Ирм. 49:7-22, Ҳиз. 32:29, Ҳиз. 35, Ом. 1:11-12, Уб. 1:1-16, Мал. 1:3-4, Ҳас. 36:34, Айюб 2:11, Иш. 21:13

+ 25:16 1 Подш. 30:14, 2 Подш. 8:18, Иш. 14:29, Юил 3:4, Ом. 1:6, Саф. 2:4

+ 26:2 Иш. 23:1, Ирм. 47:4, Юил 3:4, Ом. 1:9, Зак. 9:4

+ 26:5 Ҳиз. 47:10

+ 26:6 Ҳиз. 6:7

+ 26:7 4 Подш. 24:1, Ирм. 25:1, Дон. 1:1, Эзр. 7:12, Дон. 2:37, Ваҳй 17:14

+ 26:8 Ҳиз. 4:2

+ 26:9 Ҳиз. 21:22

+ 26:13 Иш. 24:8, Ирм. 7:34, Ирм. 16:9, Ваҳй 18:22

+ 26:14 Ҳиз. 47:10

+ 26:15 Ирм. 51:52

+ 26:16 Юн. 3:6, Ҳиз. 27:35, Ҳиз. 32:10

+ 26:17 Ҳиз. 27:2

+ 26:20 Ҳиз. 31:14, Ҳиз. 32:23, Заб. 26:13

+ 26:21 Ҳиз. 27:36, Ҳиз. 28:19

+ 27:2 Ҳиз. 26:17, Ҳиз. 28:12

+ 27:5 Так. Шар. 3:9, 1 Вақ. 5:23

+ 27:6 Иш. 2:13, Зак. 11:2

+ 27:8 Ҳас. 10:18

+ 27:9 Еҳ. 13:5, 3 Подш. 15:18, Заб. 82:8

+ 27:10 Ҳиз. 30:5, Ҳиз. 38:5

+ 27:12 3 Подш. 10:22, Ҳиз. 38:13

+ 27:13 Ҳас. 10:2, Ҳиз. 32:26, Ҳиз. 38:2, Ҳиз. 39:1

+ 27:14 Ҳас. 10:3, Ҳиз. 38:6

+ 27:15 Ҳас. 10:7, Иш. 21:13

+ 27:17 Дов. 11:33

+ 27:18 Иш. 7:8

+ 27:19 Хур. 30:24

+ 27:21 Заб. 119:5, Сур. Сур. 1:5, Иш. 60:7

+ 27:22 3 Подш. 10:1, 2 Вак. 9:1

+ 27:23 Ҳас. 11:31, Ом. 1:5

+ 27:25 Заб. 47:8, Иш. 2:16

+ 27:26 Заб. 47:8

+ 27:29 Ваҳй 18:17

+ 27:30 Айюб 2:8, Нав. 2:10, Ваҳй 18:19

+ 27:32 Ваҳй 18:18

+ 27:33 Ваҳй 18:3

+ 27:35 Ҳиз. 26:16, Ҳиз. 32:10

+ 27:36 Ирм. 18:16, Ҳиз. 26:21, Ҳиз. 28:19

+ 28:2 Ҳиз. 26:2, Ҳиз. 27:2, Иш. 14:14, 2 Тас. 2:4

+ 28:3 Ҳиз. 14:14, Дон. 1:17

+ 28:4 Зак. 9:3

+ 28:7 Ҳиз. 31:12, Ҳаб. 1:7

+ 28:10 Ҳиз. 31:18, Ҳиз. 32:19

+ 28:12 Ҳиз. 26:17, Ҳиз. 27:2-3

+ 28:13 Ҳас. 2:8-9, Иш. 51:3, Ҳиз. 31:8-9, Хур. 28:17-20

+ 28:14 Ҳас. 3:24

+ 28:19 Ҳиз. 26:21, Ҳиз. 27:36

+ 28:21 Иш. 23:2, Юил 3:4

+ 28:23 Ҳиз. 5:17

+ 28:24 Ад. 33:55, Ех. 23:13, Ҳиз. 6:7

+ 28:25 Ҳиз. 11:17, Ҳиз. 20:41

+ 28:26 Ирм. 23:6, Ирм. 32:37, Иш. 65:21, Ом. 9:14, Мик. 4:4

+ 29:2 Иш. 19:1, Ирм. 46:2, Ҳиз. 30:4, Ҳиз. 31:2, Ҳиз. 32:2, Юил 3:19

+ 29:3 Заб. 73:13-14, Иш. 27:1, Иш. 51:9, Ҳиз. 32:2

+ 29:4 Ҳиз. 38:4, Ом. 4:2, Ҳаб. 1:15, 4 Подш. 19:28, Иш. 37:29

+ 29:5 Так. Шар. 28:26, 1 Подш. 17:44

+ 29:6 Ҳиз. 6:7, 4 Подш. 18:21, Иш. 36:7

+ 29:8 Ҳиз. 14:17

+ 29:10 Ҳиз. 30:6

+ 29:12 Ҳиз. 30:7, Ҳиз. 30:23, Ҳиз. 30:26

+ 29:13 Ирм. 46:26

+ 29:14 Ҳиз. 16:53

+ 29:16 Ҳиз. 6:7

+ 29:19 Ирм. 46:13, Ирм. 46:26, Ҳиз. 30:10

+ 30:3 Иш. 13:6, Юил 1:15, Уб. 1:15, Саф. 1:7

+ 30:4 Ҳиз. 29:8

+ 30:5 Ҳиз. 27:10, Ҳиз. 38:5

+ 30:6 Ҳиз. 29:10

+ 30:7 Ҳиз. 29:12

+ 30:8 Ҳиз. 6:7

+ 30:10 Ирм. 46:26, Ҳиз. 29:19

+ 30:12 Иш. 19:6

+ 30:13 Ирм. 43:12, Ирм. 46:25, Иш. 19:13

+ 30:14 Ҳиз. 29:14, Ад. 13:22, Ирм. 46:25, Ом. 6:2

+ 30:17 Ҳас. 41:45, Ҳас. 46:20, Иш. 19:18

+ 30:18 Ирм. 2:16

+ 30:19 Ҳиз. 6:7

+ 30:21 Ирм. 46:11

+ 30:23 Ҳиз. 29:12

+ 31:2 Ҳиз. 29:2, Ҳиз. 30:4, Ҳиз. 32:2

+ 31:3 Дов. 9:15, Дон. 4:7-9

+ 31:6 Ҳиз. 17:23, Дон. 4:9, Мат. 13:32, Марқ. 4:32

+ 31:8 Ҳас. 2:8, Иш. 51:3, Ҳиз. 28:13

+ 31:10 Дон. 4:27, Дон. 5:20

+ 31:12 Ҳиз. 28:7, Ҳаб. 1:7

+ 31:13 Ҳиз. 32:4

+ 31:14 Ҳиз. 26:20, Ҳиз. 32:18

+ 31:16 Иш. 14:8-9

+ 31:18 Ҳиз. 28:10, Ҳиз. 32:19

+ 32:2 Ҳиз. 29:2, Ҳиз. 30:4, Ҳиз. 31:2, Ҳиз. 29:3

+ 32:3 Ҳиз. 12:13, Ҳиз. 17:20, Ҳиз. 19:8, Ҳуш. 7:12

+ 32:4 Ҳиз. 31:13

+ 32:7 Иш. 13:10, Юил 2:31, Ваҳй 6:12

+ 32:8 Хур. 10:22, Иш. 5:3

+ 32:10 Ҳиз. 26:16

+ 32:11 Ирм. 46:26

+ 32:12 Ҳиз. 28:7

+ 32:15 Ҳиз. 6:7

+ 32:18 Ҳиз. 26:20, Ҳиз. 31:14

+ 32:19 Ҳиз. 28:10, Ҳиз. 31:18

+ 32:21 Ҳиз. 28:10, Ҳиз. 31:18, Иш. 14:9-10

+ 32:22 Ҳиз. 31:15

+ 32:23 Наҳум 1:14, Заб. 26:13, Ҳиз. 26:20

+ 32:24 Ҳас. 14:1, Иш. 21:2, Ирм. 49:34, Дон. 8:2

+ 32:26 Ҳас. 10:2, Ҳиз. 27:13, Ҳиз. 38:2, Ҳиз. 39:1

+ 32:28 Ҳиз. 28:10

+ 32:29 Ҳиз. 25:12-14

+ 32:30 Иш. 23:2

● 33:1 *Ҳиз. 3:16-21*

+ 33:2 Иш. 21:6, Ирм. 6:17, Ҳуш. 9:8, Ҳаб. 2:1

+ 33:3 Ҳуш. 5:8, Юил 2:1, Ом. 3:6

+ 33:4 Иб. 20:9, Иб. 20:11, Ҳиз. 18:13

+ 33:7 2 Вак. 19:10

+ 33:9 1 Тим. 4:16

● 33:10 *Ҳиз. 18*

+ 33:10 Ҳиз. 4:17, Ҳиз. 24:23

+ 33:11 Ҳиз. 16:48, 2 Пет. 3:9, 1 Тим. 2:4, 1 Тим. 2:6

+ 33:13 Ҳиз. 3:20

+ 33:15 Хур. 22:26, Иб. 6:2-5

+ 33:22 3 Подш. 18:46, Ҳиз. 1:3, Ҳиз. 24:26-27

+ 33:24 Иш. 51:2

+ 33:25 Ҳас. 9:4, Иб. 3:17, Ҳиз. 22:3

+ 33:27 Ҳиз. 5:11, Так. Шар. 28:26

+ 33:29 Ҳиз. 6:7

+ 33:31 Ҳиз. 8:1, Ҳиз. 14:1, Ҳиз. 20:1

+ 33:33 Ҳиз. 2:5, Зак. 2:9, Зак. 4:9, Зак. 6:15

+ 34:2 Ирм. 23:1-4, Ирм. 50:6, Зак. 11:16-17

+ 34:3 Заб. 13:4, Мик. 3:3, Зак. 11:5

+ 34:5 Ад. 27:17, 3 Подш. 22:17, Мат. 9:36, Марқ. 6:34

+ 34:8 Ҳиз. 5:11

+ 34:9 Ҳиз. 13:8, Ҳиз. 13:21

+ 34:11 Иш. 40:11, Мик. 5:4, Юҳ. 10:11

+ 34:12 Ҳиз. 30:3

+ 34:13 Так. Шар. 30:3, Ҳиз. 11:17

+ 34:14 Заб. 22:2

+ 34:16 Мик. 4:6-7

+ 34:17 Зак. 10:3, Мат. 25:32-33

+ 34:21 Так. Шар. 33:17, Дон. 8:4

+ 34:23 Ҳиз. 37:24, Юҳ. 10:16, Ирм. 23:5, Ирм. 30:9, Ҳуш. 3:5, Мик. 5:4

+ 34:24 Иб. 26:12

+ 34:25 Иш. 54:10, Ҳиз. 37:26, Ҳуш. 2:18, Иб. 26:6

+ 34:26 Иб. 26:4, Ирм. 14:22, Зак. 10:1, Мал. 3:10

+ 34:27 Ирм. 2:20, Ирм. 27:8, Ирм. 30:8

+ 34:31 Заб. 73:1, Заб. 99:3, Зак. 9:16, Юҳ. 10:14

+ 35:2 Ҳас. 32:3

+ 35:3 Иш. 34:5, Ирм. 49:7-22, Ҳиз. 25:12-14, Уб. 1:1-16, Мал. 1:3-4

+ 35:4 Ҳиз. 6:7

+ 35:5 Ҳиз. 21:25, Ом. 1:11

+ 35:6 Ҳиз. 5:11, Ҳас. 9:6

+ 35:11 Ҳиз. 5:11

+ 35:12 Заб. 136:7

+ 35:15 Ирм. 50:29, Уб. 1:15, Ҳаб. 2:8

+ 36:1 Ҳиз. 6:2-3, Так. Шар. 32:13, Иш. 58:14

+ 36:4 Мик. 6:2

+ 36:5 Ҳиз. 35:15

+ 36:10 Ирм. 30:19

+ 36:11 Ҳас. 1:28, Иш. 49:19, Ирм. 31:27, Зак. 2:4, Зак. 10:8, Айюб 42:12

+ 36:12 Ҳиз. 5:17

+ 36:13 Ад. 13:32

+ 36:17 Иб. 18:25, Ирм. 2:7

+ 36:18 Ҳиз. 5:11, Ҳиз. 22:3

+ 36:19 Иб. 26:33, Ҳиз. 5:10

+ 36:21 Заб. 105:8, Иш. 48:11, Ҳиз. 20:9

+ 36:23 Ҳиз. 20:41

+ 36:24 Так. Шар. 30:3, Ҳиз. 11:17

+ 36:25 Иш. 4:4, Юил 3:21, Иб. 16:30, Ирм. 33:8, Зак. 13:1

+ 36:26 Ҳиз. 11:19, Ҳиз. 18:31

+ 36:27 Ҳиз. 37:14

+ 36:28 Иб. 26:12, Ҳиз. 11:20

+ 36:29 Ҳиз. 37:23, Ҳиз. 34:29

+ 36:30 Иб. 26:4

+ 36:31 Ҳиз. 6:9, Ҳиз. 16:61, Ҳиз. 20:43

+ 36:35 Ҳас. 2:8, Иш. 51:3, Ҳиз. 28:13, Ҳиз. 31:8-9

+ 36:37 Ҳиз. 34:31

+ 36:38 2 Вак. 35:7, Ҳиз. 6:7

+ 37:1 3 Подш. 18:46, Ҳиз. 1:3, Ҳиз. 3:22, Ҳиз. 8:4

+ 37:3 1 Қӯр. 15:35

+ 37:5 Ҳас. 2:7

+ 37:10 Ваҳй 11:11

+ 37:12 Иш. 26:19, Дон. 12:2, Юҳ. 5:21

+ 37:14 Ҳиз. 36:27

+ 37:18 Ҳиз. 12:9, Ҳиз. 21:7, Ҳиз. 24:19

+ 37:19 Иш. 11:13, Ирм. 3:18, Ирм. 50:4, Ҳуш. 1:11

+ 37:21 Так. Шар. 30:3, Ҳиз. 11:17

+ 37:23 Ҳиз. 14:11, Ҳиз. 36:25, Иб. 26:12, Ҳиз. 11:20

+ 37:24 Ирм. 30:10, Ирм. 23:5, Ҳиз. 34:23-24, Юҳ. 10:16

+ 37:25 Юил 3:20

+ 37:26 Ҳиз. 34:25, Ҳуш. 2:18

+ 37:27 Зак. 2:10-11, Ваҳй 21:3, Иб. 26:11-12, Ҳиз. 11:20

+ 37:28 Ҳиз. 6:7, Ҳиз. 20:12

+ 38:2 Ҳас. 10:2, Ҳиз. 27:13, Ҳиз. 32:26, Ҳиз. 39:1

+ 38:4 4 Подш. 19:28, Ҳиз. 29:4, Ом. 4:2, Ҳаб. 1:15

+ 38:5 Ҳиз. 27:10

+ 38:6 Ҳас. 10:3, Ҳиз. 27:14

+ 38:8 Ҳиз. 34:28

+ 38:9 Ирм. 4:13

+ 38:11 Дов. 18:9-10, Ирм. 49:31

+ 38:13 3 Подш. 10:1, Ҳиз. 27:15, Ҳиз. 27:22

+ 38:16 Ҳиз. 20:41

+ 38:17 Ирм. 6:22-23

+ 38:19 Ом. 1:1, Ҳаҷ. 2:6, Ваҳй 16:18

+ 38:20 Ирм. 4:24, Наҳум 1:5

+ 38:21 Ирм. 25:27, Ирм. 25:29

+ 38:22 Ҳиз. 5:17, Ҳиз. 14:16, Ҳас. 19:24, Айюб 18:15, Заб. 10:6, Ҳиз. 13:11, Ҳиз. 13:13

+ 38:23 Ҳиз. 20:12, Ҳиз. 6:7

+ 39:1 Ҳас. 10:2, Ҳиз. 27:13, Ҳиз. 32:26, Ҳиз. 38:2

+ 39:2 Ҳиз. 38:6, Ҳиз. 38:15

+ 39:3 Заб. 75:3

+ 39:4 Так. Шар. 28:26

+ 39:6 Ҳиз. 28:18, Ҳиз. 30:8, Ваҳй 20:9

+ 39:7 Ҳиз. 20:39, Ҳиз. 43:7

+ 39:9 Иш. 2:4, Иш. 9:5, Ҳуш. 2:18, Мик. 4:3

+ 39:10 Зак. 2:9

+ 39:17 Иш. 34:6, Саф. 1:7, Ваҳй 19:17-18

+ 39:18 Ом. 4:1

+ 39:22 Юил 2:27

+ 39:23 Так. Шар. 29:24-28

+ 39:25 Ирм. 30:3, Ҳиз. 20:9

+ 39:26 Иб. 26:6, Ирм. 30:10, Ирм. 46:27, Мик. 4:4

+ 39:27 Ҳиз. 20:41

+ 39:29 Иш. 32:15, Иш. 44:3, Юил 2:28

● 40:1 *3 Подш. 6, 2 Вак. 3*

+ 40:1 Ҳиз. 33:21, 3 Подш. 18:46, Ҳиз. 1:3

+ 40:2 Ҳиз. 1:1, Ҳиз. 8:3, Ваҳй 21:10

+ 40:3 Ҳиз. 1:7, Ҳиз. 47:3, Зак. 2:1, Ваҳй 11:1, Ваҳй 21:15

+ 40:4 Ҳиз. 44:5

+ 40:5 Ҳиз. 42:20

+ 40:6 Ҳиз. 43:1

+ 40:16 3 Подш. 6:4, Ҳиз. 41:16, Ҳиз. 41:26, Ҳиз. 41:18

+ 40:17 Ҳиз. 41:6, Ҳиз. 42:1

+ 40:28 Ҳиз. 8:16

+ 40:38 2 Вак. 4:6

+ 40:39 Иб. 1:3, Иб. 4:2-3, Иб. 5:1-6

+ 40:44 1 Вақ. 6:31-32

+ 40:46 3 Подш. 2:35, Ҳиз. 43:19

+ 40:47 Ҳиз. 41:13-15

+ 40:49 3 Подш. 6:3

+ 41:2 3 Подш. 6:17

+ 41:4 3 Подш. 6:20, 2 Вак. 3:8

+ 41:5 3 Подш. 6:5, 3 Подш. 6:8

+ 41:6 Ҳиз. 40:17, 3 Подш. 6:6

+ 41:13 Ҳиз. 40:47

+ 41:16 3 Подш. 6:4, Ҳиз. 40:16

+ 41:18 3 Подш. 6:29, 3 Подш. 7:36, Ҳиз. 40:16

+ 41:19 Ҳиз. 1:10, Ҳиз. 10:14

+ 41:21 Хур. 25:23-30

+ 41:24 3 Подш. 6:34

+ 41:25 3 Подш. 7:6

+ 41:26 3 Подш. 6:4

+ 42:1 Ҳиз. 40:17

+ 42:13 Ад. 18:9

+ 42:14 Иб. 6:11, Ҳиз. 44:19

+ 42:20 Ҳиз. 40:5

+ 43:1 Ҳиз. 40:6

+ 43:2 Ҳиз. 10:18, Ҳиз. 11:22-23, Ҳиз. 1:24, Ваҳй 1:15, Ваҳй 18:1

+ 43:3 Ҳиз. 1:1, Ҳиз. 3:15, Ҳиз. 10:15, Ҳиз. 2:1

+ 43:5 Ҳиз. 3:12, Ҳиз. 8:16

+ 43:7 1 Вақ. 28:2, Иш. 60:13, Иш. 66:1, Ҳиз. 20:39, Ҳиз. 39:7

+ 43:10 Ҳиз. 40:4

+ 43:13 Хур. 27:1-8

+ 43:15 Хур. 27:2, 3 Подш. 1:50, 3 Подш. 2:28

+ 43:17 Хур. 20:26

+ 43:18 Иб. 1:5

+ 43:19 3 Подш. 2:35, Ҳиз. 40:46, Ҳиз. 45:18

+ 43:20 Хур. 29:12, Иб. 8:15, Ҳиз. 45:19

+ 43:21 Хур. 29:14

+ 43:24 Иб. 2:13

+ 43:25 Хур. 29:35, Иб. 8:33

+ 43:27 Иб. 1:3, Иб. 3:1

+ 44:4 Ҳиз. 1:28

+ 44:5 Ҳиз. 40:4

+ 44:6 Ҳиз. 45:9

+ 44:7 Аъм. 21:28, Иб. 3:11

+ 44:15 3 Подш. 2:35, Ҳиз. 40:46

+ 44:16 Ҳиз. 41:21

+ 44:18 Хур. 28:39-43, Иб. 16:4

+ 44:19 Иб. 6:11, Иб. 16:23, Ҳиз. 42:14

+ 44:20 Иб. 21:5, Ад. 6:5

+ 44:21 Иб. 10:9

+ 44:22 Иб. 21:7, Иб. 21:13

+ 44:23 Иб. 10:10, Иб. 11:47

+ 44:24 Так. Шар. 17:9, Так. Шар. 19:17

+ 44:25 Иб. 21:1-3

+ 44:26 Ад. 19:11-12

+ 44:27 Иб. 4:3

+ 44:28 Ад. 18:20, Так. Шар. 10:9

+ 44:29 Иб. 27:21, Ад. 18:14

+ 44:30 Хур. 23:19, Хур. 34:26, Так. Шар. 26:2, Ад. 15:20, Мал. 3:10

+ 44:31 Хур. 22:31, Иб. 11:39, Иб. 22:8, Ҳиз. 4:14

+ 45:1 Ҳиз. 47:21

+ 45:2 Ҳиз. 48:9-10

+ 45:4 Ҳиз. 48:11-12

+ 45:5 Ҳиз. 48:13

+ 45:6 Ҳиз. 48:15

+ 45:7 Ҳиз. 48:21

+ 45:9 Ҳиз. 44:6, Ад. 36:7, 3 Подш. 21:1-16

+ 45:10 Иб. 19:36, Так. Шар. 25:13, Мас. 11:1

+ 45:12 Хур. 30:13

+ 45:17 Ад. 28:9-15

+ 45:18 Иб. 16:16

+ 45:19 Хур. 12:7, Хур. 29:12, Иб. 8:15, Ҳиз. 43:20

+ 45:21 Иб. 23:5-6

+ 45:23 Иб. 23:8, Ад. 28:15

+ 45:24 Иб. 2:1

+ 45:25 Иб. 23:34

+ 46:2 Ҳиз. 44:3

+ 46:4 Ад. 28:9-10, Ҳиз. 45:17

+ 46:6 Ад. 28:11-15

+ 46:9 Хур. 23:14-17, Так. Шар. 16:16

+ 46:12 Иб. 7:16, Иб. 22:23

+ 46:13 Хур. 29:38, Ад. 28:3

+ 46:17 Иб. 25:10

+ 46:18 Ад. 36:7, 3 Подш. 21:1-16

+ 47:1 Юил 3:18, Зак. 14:8, Ваҳй 22:1

+ 47:3 Ҳиз. 40:3

+ 47:8 Так. Шар. 3:17, Еҳ. 3:16

+ 47:10 Еҳ. 15:62, Иш. 15:8, Ҳиз. 26:5

+ 47:12 Ҳас. 2:9, Ваҳй 22:2

● 47:13 *Ад. 34:1-15*

+ 47:14 Ҳас. 12:7

+ 47:19 Ҳиз. 48:28

+ 47:22 Иш. 14:1

+ 48:1 Ад. 2:25-31, Ех. 19:40

+ 48:2 Ех. 19:24

+ 48:3 Ех. 19:32

+ 48:4 Ех. 16:1, Ех. 16:5

+ 48:5 Ех. 17:7

+ 48:6 Ех. 13:15

+ 48:7 Ех. 15:1

+ 48:8 Ҳиз. 45:1-6

+ 48:9 Ҳиз. 45:2-3

+ 48:11 3 Подш. 2:35, Ҳиз. 40:46, Ҳиз. 44:10

+ 48:13 Ҳиз. 45:4

+ 48:15 Ҳиз. 45:6

+ 48:16 Ваҳй 21:16

+ 48:21 Ҳиз. 45:7

+ 48:23 Ех. 18:11

+ 48:24 Ех. 19:1

+ 48:25 Ех. 19:17

+ 48:26 Ех. 19:10

+ 48:27 Ех. 13:24

+ 48:28 Ҳиз. 47:19

+ 48:30 Ваҳй 21:13

+ 48:35 Иш. 60:14, Юил 3:21

*КИТОБИ*

# ДОНИЁЛИ НАБӢ


1 2 3 4 5 6 7 8 9 10

11 12

## Шарҳи ҳоли Дониёл.

1 1 Дар соли сеюми подшоҳии Еҳӯёқим, подшоҳи Яҳудо,
Набукаднесар, подшоҳи Бобил, ба Ерусалим омад ва онро
муҳосира кард+.
2 Ва Худованд Еҳӯёқим, подшоҳи Яҳудоро бо як қисми зарфҳои
хонаи Худо ба дасти ӯ таслим кард, ва ӯ онҳоро ба замини Шинъор,
ба хонаи худои худ овард, ва зарфҳоро дар ганҷхонаи худои худ
гузошт+.
3 Ва подшоҳ ба Ашфаназ, сардори хоҷасароёни худ, амр фармуд,
ки аз банӣ-Исроил, аз насли шоҳон ва аъёну ашроф амрадонеро
биёрад,
4 Ки ҳеҷ нуқсони ҷисмонӣ надошта бошанд, ва зеботалъат, ва дар
хикмат моҳир, ва соҳиби дониш ва дар таълим ҳушфаҳм бошанд, ва
барои хизмат дар қасри подшоҳ қувват дошта бошанд, — ва ба онҳо
забон ва адабиёти калдониёнро таълим диҳад.
5 Ва подшоҳ барои онҳо хӯроки ҳаррӯзаро аз суфраи подшоҳӣ ва аз
шаробе ки худаш менӯшид, таъин намуд, ва амр фармуд, ки онҳоро
се сол тарбият диҳанд, ва баъд аз гузаштани ин мӯҳлат онҳо дар
ҳузури подшоҳ хоҳанд истод.
6 Ва дар миёни онҳо Дониёл, Ҳананьё, Мишоил ва Азарьё буданд+.
7 Ва сардори хоҷасароён ба онҳо номҳои дигар дод: Дониёлро
Балтшасар, Ҳананьёро Шадрак, Мишоилро Мешак ва Азарьёро
Абднаҷу ном ниҳод+.
8 Вале Дониёл дар дили худ аҳд кард, ки худро бо хӯроки суфраи
подшоҳ ва бо шаробе ки ӯ менӯшад, палид накунад, бинобар ин аз
сардори хоҷасароён иҷозат пурсид, то ки палид нашавад+.
9 Ва Худо эҳсон ва марҳаматро дар хузури сардори хоҷасароён ба
Дониёл ато намуд+.
10 Ва сардори хоҷасароён ба Дониёл гуфт: «Ман аз оғои худ,
подшоҳ, ки хӯрок ва шароби шуморо худаш таъин намудааст,
метарсам, ки шояд ӯ чеҳраҳои шуморо назар ба амрадони
ҳамсолатон лоғартар бубинад, ва шумо сари маро ба ҳузури подшоҳ
дар хатар хоҳед андохт».
11 Ва Дониёл ба пешхизмати дастархончӣ, ки ӯро сардори
хоҷасароён бар Дониёл, Ҳананьё, Мишоил ва Азарьё баргумошта буд,

гуфт:
[12] «Лутфан, бандагонатро даҳ рӯз озмоиш намо: ба мо сабзавот
барои хӯрдан бидиҳанд, ва об барои нӯшидан;+
[13] Ва чеҳраҳои моро ба ҳузури ту бо чеҳраҳои амрадоне ки хӯроки
суфраи подшоҳро мехӯранд, муқоиса намоянд, ва чун бубинӣ, бар
тибқи он бо бандагонат амал намо».
[14] Ва ӯ дар ин хусус ба сухани онҳо гӯш андохт, ва даҳ рӯз онҳоро
озмоиш кард.
[15] Ва баъд аз гузаштани даҳ рӯз чеҳраҳои онҳо, назар ба амрадоне
ки хӯроки суфраи подшоҳро мехӯрданд, зеботар, ва баданҳошон
фарбеҳтар шуда буд.
[16] Ва пешхизмати дастархончӣ хӯрокашон ва шароберо, ки бояд
бинӯшанд, гирифта, ба онҳо сабзавот медод.
[17] Ва Худо ба ин чор амрадон дониш ва фаҳмиши ҳар адабиёт ва
ҳикматро ато фармуд, ва Дониёл ба ҳар гуна рӯъёҳо ва хобҳо
сарфаҳм мерафт+.
[18] Ва баъд аз итмоми айёме ки подшоҳ барои овардани онҳо
муайян намуда буд, сардори хоҷасароён онҳоро ба ҳузури
Набукаднесар овард.
[19] Ва подшоҳ бо онҳо гуфтугӯ кард, ва аз миёни ҳамаи онҳо касе
мисли Дониёл, Ҳананьё, Мишоил ва Азарьё ёфт нашуд, ва онҳо ба
ҳузури подшоҳ истоданд.
[20] Ва дар ҳар масъалаи ҳикмат ва маърифат, ки подшоҳ аз онҳо
пурсон мекард, онҳоро аз ҳамаи ғайбдонон ва афсунгароне ки дар
тамоми мамлакати ӯ буданд, даҳчандон болотар ёфт+.
[21] Ва Дониёл то соли якуми подшоҳ Куруш буд+.

## Рӯъёи Набукаднесар.

## Ҳакимон таъбири онро наметавонанд ошкор кунанд.

**2** [1] Ва дар соли дуюми подшоҳии Набукаднесар, Набукаднесар
хобҳо медид, ва рӯҳи ӯ музтариб шуд, ва хобаш аз ӯ дур шуд+.
[2] Ва подшоҳ амр фармуд, ки ғайбдонон ва афсунгарон ва дуохонон
ва мунаҷҷимонро бихонанд, то ки онҳо ба подшоҳ хобҳои ӯро
бигӯянд. Ва онҳо омада, ба ҳузури подшоҳ истоданд.
[3] Ва подшоҳ ба онҳо гуфт: «Хобе дидам, ва рӯҳи ман музтариб шуд
— мехоҳам хобро бидонам».
[4] Ва мунаҷҷимон ба подшоҳ ба забони арамӣ гуфтанд: «То абад
зинда бош, эй подшоҳ! Хобро ба бандагони худ бигӯй, ва мо таъбири
онро баён хоҳем кард»+.
[5] Подшоҳ ба мунаҷҷимон ҷавоб гардонда, гуфт: «Аз ҷониби ман
чунин қароре қабул шудааст, ки агар хоб ва таъбири онро ба ман
ошкор накунед, пора-пора хоҳед шуд, ва хонаҳотон харобазор хоҳад
гардид,+
[6] Вале агар хоб ва таъбири онро ошкор кунед, тӯҳфаҳо ва инъомҳо
ва ҷалоли азиме аз ҷониби ман пайдо хоҳед кард; пас, хоб ва таъбири
онро ба ман бигӯед»+.
[7] Бори дигар онҳо ҷавоб гардонда, гуфтанд: «Подшоҳ хобро ба
бандагони худ бигӯяд, ва мо таъбири онро баён хоҳем кард».
[8] Подшоҳ ҷавоб гардонда, гуфт: «Ман яқин медонам, ки шумо
фурсат меҷӯед, чун мебинед, ки аз ҷониби ман чунин қароре қабул
шудааст,
[9] Ки агар хобро ба ман ошкор накунед, барои шумо фақат як
ҳукмнома аст. Суханони дурӯғу ботилро шумо ният доштед ба
хузури ман бигӯед, то ки вақт мурур намояд; пас, хобро ба ман
бигӯед, ва ман хоҳам донист, ки таъбири онро метавонед ба ман
ошкор кунед»+.
[10] Мунаҷҷимон ба ҳузури подшоҳ ҷавоб гардонда, гуфтанд: «Касе
бар рӯи замин нест, ки инро тавонад ба подшоҳ ошкор кунад, дар
сурате ки ҳеҷ подшоҳи бузург ва пуриқтидор чунин чизро аз ҳеҷ
ғайбдон, афсунгар ва мунаҷҷим талаб накардааст.

[11] Ва он чи подшоҳ талаб мекунад, чунон мушкил аст, ки ғайр аз
худоёне ки масканашон бо башар нест, ҳеҷ каси дигар наметавонад
онро ба ҳузури подшоҳ ошкор кунад».
[12] Аз ин сабаб подшоҳ ба ғазаб омада, бағоят хашмгин шуд ва амр
фармуд, ки ҳамаи ҳакимони Бобилро несту нобуд кунанд+.
[13] Ва фармон дода шуд, ки ҳакимон бояд кушта шаванд; ва Дониёл
ва рафиқонашро ҷустуҷӯ мекарданд, то он шахсонро ба қатл
расонанд.
[14] Он гоҳ Дониёл ба сардори посбонони подшоҳ — Арьюк, ки барои
куштани ҳакимони Бобил берун омада буд, бо машварат ва ҳикмат
муроҷиат намуд;
[15] Ба Арьюк, ки мансабдоре ба ҳузури подшоҳ буд, рӯ оварда, гуфт:
«Чаро аз ҷониби подшоҳ чунин фармони сахт дода шудааст?» Он гоҳ
Арьюк асли масъаларо ба Дониёл баён намуд.
[16] Ва Дониёл омада, аз подшоҳ илтимос кард, ки ба ӯ мӯҳлат
бидиҳад, то таъбири хобро ба подшоҳ ошкор намояд.
[17] Он гоҳ Дониёл ба хонаи худ рафта, ба рафиқонаш Ҳананьё,
Мишоил ва Азарьё дар ин бобат хабар дод,+
[18] То аз Худои осмон дар бораи ин роз марҳамат талаб кунанд, то
ки Дониёл ва рафиқонаш бо дигар ҳакимони Бобил несту нобуд
нашаванд.

## Роз ба Дониёл ошкор шуд.

[19] Дар он шаб ин роз ба Дониёл дар рӯъё ошкор шуд, ва Дониёл
Худои осмонро муборак хонд,
[20] Ва Дониёл сухан ронда, гуфт:
«Исми Худо аз азал то абад муборак бод,
ки ҳикмат ва қудрат аз они Ӯст!
[21] Ва Ӯ вақтҳо ва замонҳоро тағьир медиҳад,
подшоҳонро сарнагун мекунад ва подшоҳонро барқарор менамояд,
ба ҳакимон ҳикмат ва ба оқилон дониш мебахшад+.
[22] Ӯ чизҳои амиқ ва ниҳонро ошкор мекунад, он чиро,
ки дар зулмот аст, медонад, ва нур бо Ӯ сокин аст+.
[23] Ман туро, эй Худои падаронам, шукрона ва ҳамд мегӯям,
барои он ки ҳикмат ва қудрат ба ман бахшидаӣ, ва алҳол он чиро, ки
аз ту илтимос намудем, ба ман ошкор кардӣ, зеро ки масъалаи

подшоҳро ба мо ошкор кардӣ».
24 Баъд аз ин, Дониёл назди Арьюк, ки подшоҳ қатли ҳакимони Бобилро ба вай супурда буд, рафт; ва омада, ба вай гуфт: «Ҳакимони Бобилро ба қатл нарасон; маро ба ҳузури подшоҳ бибар, ва ман таъбири хобро ба ӯ баён хоҳам кард».
25 Он гоҳ Арьюк фавран Дониёлро ба ҳузури подшоҳ овард, ва ба ӯ чунин гуфт: «Ман шахсеро аз асирони Яҳудия пайдо кардам, ки вай метавонад таъбири хобро ба подшоҳ бигӯяд».
26 Дар ҷавоб подшоҳ ба Дониёл, ки Балтшасар ном дошт, гуфт: «Оё ту метавонӣ хоберо, ки ман дидаам, бо таъбири он ба ман бигӯӣ?»
27 Дониёл ба ҳузури подшоҳ ҷавоб гардонда, гуфт: «Розеро, ки подшоҳ пурсидааст, ҳакимон, афсунгарон, ғайбдонон ва ҷодугарон наметавонанд ба подшоҳ баён намоянд.
28 Аммо Худое дар осмон ҳаст, ки Ошкоркунандаи розҳост, ва Ӯ подшоҳ Набукаднесарро аз он чи дар айёми охир ба вуқӯъ хоҳад омад, огоҳ кардааст. Хоби ту ва рӯъёи сари ту бар бистари ту ин буд:+
29 Ту, эй подшоҳ, бар бистари худ дар он хусус фикру хаёл кардаӣ, ки баъд аз ин чиҳо ба вуқӯъ хоҳад омад, — ва Ошкоркунандаи розҳо туро аз он чи ба вуқӯъ хоҳад омад, огоҳ кардааст.
30 Валекин ба ман на аз сабаби ҳикмате ки бештар аз ҳамаи зиндаҳо дорам, ин роз ошкор шудааст, балки аз барои он ки таъбири хоб ба подшоҳ маълум шавад, ва ту фикру хаёли дили худро бидонӣ+.

## Хоби фаромӯшгардида ба ёди подшоҳ оварда шуд.

31 Ту, эй подшоҳ, чунин рӯъёе дидаӣ: инак, як ҳайкали бузург; ин ҳайкали бузург, ки бисьёр дурахшон буд, дар рӯ ба рӯи ту меистод, ва намуди саҳмгине дошт.
32 Сари ин ҳайкал аз тиллои холис, сина ва бозуҳояш аз нуқра, шикам ва ронҳояш аз мис буд;
33 Соқҳояш аз оҳан, пойҳояш қисман аз оҳан ва қисман аз гил буд.
34 Ту дидаӣ, ки санге канда шуд, бе он ки дасте расида бошад, ва пойҳои оҳанин ва гилини ҳайкалро зад ва онҳоро гард-гард кард.
35 Он гоҳ оҳан, гил, мис, нуқра ва тилло якбора гард-гард шуда, мисли коҳрезаи хирмангоҳи тобистон гардид, ва бод онҳоро гирифта

бурд, ва ному нишоне аз онҳо боқӣ намонд; ва он санг, ки ҳайкалро
зада буд, ба кӯҳи бузурге табдил ёфта, тамоми заминро пур кард.

## Хобро таъбир кардани Дониёл.

36 Хоб ҳамин аст, ва таъбири онро ба ҳузури подшоҳ хоҳем гуфт.
37 Ту, эй подшоҳ, шоҳаншоҳе ҳастӣ, ки Худои осмон ба ту салтанат,
қудрат, тавоноӣ ва ҷалол бахшидааст;+
38 Ва дар ҳар ҷое ки банӣ-одам, ҳайвоноти саҳро ва мурғони ҳаво
сукунат доранд, онҳоро ба дасти ту супурда, туро бар ҳамаи онҳо
ҳукмраво гардонидааст, — он сари тилло ту ҳастӣ+.
39 Баъд аз ту салтанати дигаре барпо хоҳад шуд, ки аз салтанати ту
пасттар бошад, ва салтанати сеюми дигаре, — салтанати мисин, — ки
он бар тамоми замин ҳукмфармо хоҳад шуд+.
40 Ва салтанати чорум мисли оҳан қавӣ хоҳад буд; чунон ки оҳан
ҳама чизро пора-пора ва гард-гард мекунад, он низ, мисли ҳамин
оҳани шикананда, ҳамаи ин чизҳоро пора-пора хоҳад кард ва хоҳад
шикаст+.
41 Ва ин ки ту пойҳо ва ангуштонро дидаӣ, ки қисман аз гили
кулолгар ва қисман аз оҳан буд, ин яъне мамлакати тақсимшудаест,
ки қадаре аз қуввати оҳан дар он хоҳад буд, чунон ки ту оҳани бо
гили кулолӣ омехтаро дидаӣ.
42 Ва чунон ки ангуштони пойҳо қисман аз оҳан ва қисман аз гил
буд,ончунон ин салтанат қисман қавӣ ва қисман зудшикан хоҳад
буд.
43 Ва ин ки ту оҳани бо гили кулолӣ омехтаро дидаӣ, ин яъне онҳо
бо насли одам омезиш хоҳанд ёфт, валекин бо ҳамдигар пайванд
нахоҳанд шуд, чунон ки оҳан бо гил пайванд намешавад.
44 Ва дар айёми он подшоҳон Худои осмон салтанате барпо хоҳад
кард, ки он то абад барҳам нахоҳад хӯрд; ва ин салтанат ба қавми
дигаре супурда нахоҳад шуд: он ҳамаи ин салтанатҳоро гард-гард ва
несту нобуд хоҳад кард, вале худаш то абад хоҳад истод+.
45 Чунон ки ту дидаӣ, ки санге аз кӯҳ канда шуд, бе он ки дасте
расида бошад, ва охан, мис, гил, нуқра ва тиллоро пора-пора кард,
ончунон Худои бузург подшоҳро аз он чи баъд аз ин ба вуқӯъ хоҳад
омад, огоҳ кардааст. Пас, хоб дуруст ва таъбири он амин аст!»

## Ба бузургӣ расидани Дониёл.

46 Он гоҳ подшоҳ Набукаднесар рӯйнокӣ афтода, ба Дониёл саҷда
бурд ва амр фармуд, ки барои ӯ ҳадияҳо ва бухур биёранд+.
47 Подшоҳ ба Дониёл ҷавоб гардонда, гуфт: «Ба ростӣ Худои шумо
Худои худоён ва Хукмфармои подшоҳон ва Ошкоркунандаи розҳо
мебошад, зеро ки ту тавонистӣ ин розро ошкор намоӣ!»+
48 Он гоҳ подшоҳ ба Дониёл бузургӣ бахшид ва инъомҳои
сершумор ва гаронбаҳо ба ӯ дод, ва ӯро ҳоким бар тамоми вилояти
Бобил, ва раиси сардорон бар ҳамаи ҳакимони Бобил таъин намуд.
49 Ва Дониёл аз подшоҳ илтимос кард, ва ӯ Шадрак, Мешак ва
Абднаҷуро бар корҳои вилояти Бобил гузошт. Ва Дониёл дар боргоҳи
подшоҳ буд.

## Ғурури Набукаднесар ва подош барои он.
## Ҳайкали тилло.

**3** [1] Подшоҳ Набукаднесар ҳайкале аз тилло сохт, ки қадаш шаст
зироъ ва бараш шаш зироъ буд; онро дар водии Дуро дар вилояти
Бобил барқарор намуд+.
[2] Ва подшоҳ Набукаднесар фиристод, ки ҳокимон, сардорон ва
волиён, мушовирон, хазинадорон, доварон, муваккалони
бошишгоҳҳо ва ҳамаи ҳукуматдорони вилоятҳоро ҷамъ кунанд, то
онҳо ба расми кушоди ҳайкале ки подшоҳ Набукаднесар барқарор
намуда буд, биёянд.
[3] Он гоҳ ҳокимон, сардорон ва волиён, мушовирон, хазинадорон,
доварон, муваккалони бошишгоҳҳо ва ҳамаи ҳукматдорони вилоятҳо
ба расми кушоди ҳайкале ки подшоҳ Набукаднесар барқарор намуда
буд, ҷамъ шуданд, ва дар рӯ ба рӯи ҳайкале ки Набукаднесар
барқарор намуда буд, истоданд.
[4] Ва ҷарчӣ бо овози баланд нидо кард: «Ба шумо, эй қавмон,
умматҳо ва забонҳо, фармон медиҳем:
[5] Чун садои шайпур, сурнай, тор, чилтор, чанг, қӯшнай ва дигар
асбоби мусиқиро бишнавед, афтода, ба ҳайкали тиллое ки подшоҳ
Набукаднесар барқарор намудааст, саҷда баред.
[6] Ва ҳар кӣ наафтад ва саҷда набарад, дарҳол андаруни кӯраи
оташи сӯзон андохта хоҳад шуд»+.
[7] Бар тибқи ин, ҳамин ки ҳамаи қавмҳо садои шайпур сурнай, тор,
чилтор, чанг ва дигар асбоби мусиқиро шуниданд, — ҳамаи қавмҳо,
умматҳо ва забонҳо ба ҳайкали тиллое ки подшоҳ Набукаднесар
барқарор намуда буд, саҷда бурданд.

## Се ҷавони яҳудӣ аз саҷда бурдан ба ҳайкал сар тофтанд.

[8] Дар айни замон баъзе калдониён дар ҳаққи яҳудиён чуғӯл
карданд:+
[9] Онҳо ба подшоҳ Набукаднесар шикояткунон гуфтанд: «Эй
подшоҳ, то абад зинда бош!+
[10] Ту, эй подшоҳ, фармон додаӣ, ки ҳар кӣ садои шайпур, сурнай,
тор, чилтор, чанг, қӯшнай ва дигар асбоби мусиқиро бишнавад,
афтода, ба ҳайкали тилло саҷда барад.

11 Ва ҳар кӣ наафтад ва саҷда набарад, андаруни кӯраи оташи
сӯзон андохта хоҳад шуд.
12 Шахсони яҳудие ҳастанд, ки ту онҳоро бар корҳои вилояти
Бобил таъин намудаӣ, яъне Шадрак, Мешак ва Абднаҷу; ин шахсон
туро, эй подшоҳ, писанд намекунанд, худоёни туро ибодат
наменамоянд ва ба ҳайкали тиллое ки ту барқарор кардаӣ, саҷда
намебаранд»+.
13 Он гоҳ Набукаднесар бо хашм ва ғазаб фармон дод, ки Шадрак,
Мешак ва Абднаҷуро биёранд; ин шахсонро ба ҳузури подшоҳ
оварданд+.
14 Набукаднесар ба онҳо хитоб намуда, гуфт: «Эй Шадрак, Мешак
ва Абднаҷу, оё шумо қасдан худоёни маро ибодат намекунед ва ба
ҳайкали тиллое ки ман барқарор намудаам, саҷда намебаред?
15 Алҳол, агар шумо тайёр бошед, пас чун садои шайпур, сурнай,
тор, чилтор, чанг, қӯшнай ва дигар асбоби мусиқиро бишнавед,
афтода, ба ҳайкали тиллое ки ман сохтаам, саҷда баред, хуб хоҳад
буд; вале агар саҷда набаред, дарҳол андаруни кӯраи оташи сӯзон
андохта хоҳед шуд; ва кист он Худое ки шуморо тавонад аз дасти ман
раҳо кунад?»+
16 Шадрак, Мешак ва Абднаҷу ба подшоҳ ҷавоб гардонда, гуфтанд:
«Эй Набукаднесар! Моро ҳоҷати он нест, ки дар ин бора ба ту ҷавоб
диҳем.
17 Моро Худое ҳаст, ки Ӯро ибодат менамоем, ва Ӯ қодир аст моро
аз кӯраи оташи сӯзон бираҳонад, ва аз дасти ту, эй подшоҳ, низ раҳо
хоҳад кард.
18 Ва ҳатто агар на ин тавр аст, туро, эй подшоҳ, маълум бод, ки мо
худоёни туро ибодат нахоҳем кард ва ба ҳайкали тиллои ту, ки
барқарор намудаӣ, саҷда нахоҳем бурд».

## Кӯраи оташи сӯзон ба онҳо осебе нарасонд.

19 Он гоҳ Набукаднесар бар Шадрак, Мешак ва Абднаҷу пур аз ғазаб
гардид, ва намуди рӯяш дигаргун шуд, ва хитоб намуда, амр фармуд,
ки кӯраро аз оташи муқаррарӣ ҳафтчандон бештар оташ дардиҳанд+.
20 Ва ба пурзӯртарин мардони лашкари худ фармон дод, ки
Шадрак, Мешак ва Абднаҷуро бандубаст намуда, дар кӯраи оташи
сӯзон биандозанд.

[21] Он гоҳ ин шахсонро дар ҷомаҳо, кулоҳҳо, аммомаҳо ва либосҳои
онҳо бандубаст карданд ва андаруни кӯраи оташи сӯзон андохтанд.
[22] Азбаски фармони подшоҳ сахт буд, ва кӯра ниҳоятдараҷа оташ
дардода шуда буд, он касонро, ки Шадрак, Мешак ва Абднаҷуро дар
оташ андохтанд, шарораи оташ кушт.
[23] Ва он се шахс, яъне Шадрак, Мешак ва Абднаҷу, дар ҳолате ки
бандубаст шуда буданд, андаруни кӯраи оташи сӯзон афтоданд.
[24] Он гоҳ подшоҳ Набукаднесар мутаҳайир шуда, саросемавор
бархост ва ба мушовиронаш хитоб намуда, гуфт: «Оё мо се шахси
бандубастшударо андаруни оташ наандохтем?» Онҳо ба подшоҳ
ҷавоб гардонда, гуфтанд: «Хақ асту рост, эй подшоҳ!»
[25] Ӯ дар ҷавоб гуфт: «Ман, охир, чор мардро мебинам, ки бе
бандубаст андаруни оташ гардиш мекунанд, ва ҳеҷ осебе ба онҳо
нарасидааст; ва намуди марди чорум ба писари Худо монанд аст»+.

## Набукаднесар Худои Исроилро муборак хонд ва Ӯро мадҳ намуд.

[26] Он гоҳ Набукаднесар ба даҳани кӯраи оташи сӯзон наздик омад
ва хитоб намуда, гуфт: «Эй Шадрак, Мешак ва Абднаҷу, эй бандагони
Худои Таоло, берун омада, наздик шавед!» Он гоҳ Шадрак, Мешак ва
Абднаҷу аз даруни оташ берун омаданд+.
[27] Ва ҳокимон, сардорон ва волиён ва мушовирони подшоҳ ҷамъ
шуда, он мардонро диданд, ки оташ ба баданҳои онҳо таъсир
накардааст, ва мӯи сарашон парт нашудааст, ва ҷомаҳошон тағьир
наёфтааст, ва ҳатто бӯи оташ ба онҳо нарасидааст.
[28] Набукаднесар хитоб намуда, гуфт: «Муборак аст Худои Шадрак,
Мешак ва Абднаҷу, ки фариштаи Худро фиристода, бандагони Худро
наҷот додааст, ки онҳо ба Ӯ таваккал доштанд, ва ба фармони подшоҳ
муқобилият намуданд, ва баданҳои худро нисор карданд, то ки ба
ҳеҷ худои дигар, ҷуз Худои худашон, ибодат ва саҷда нанамоянд.
[29] Ва аз ҷониби ман фармон дода мешавад, ки аз ҳар қавм, уммат
ва забон касе ки дар ҳаққи Худои Шадрак, Мешак ва Абднаҷу сухани
носазое бигӯяд, пора-пора карда хоҳад шуд, ва хонаи вай харобазор
хоҳад гардид, зеро худои дигаре нест, ки мисли Ӯ тавонад наҷот
диҳад»+.

30 Он гоҳ подшоҳ ба Шадрак, Мешак ва Абднаҷу дар вилояти Бобил
бузургӣ бахшид.
31 Подшоҳ Набукаднесар ба ҳамаи қавмҳо, умматҳо ва забонҳое ки
бар тамоми замин сокинанд: осоиштагии шумо афзун бод!+
32 Аломот ва мӯъҷизотеро, ки Худои Таоло ба ман нишон додааст,
ман салоҳ донистам баён намоям.
33 Чӣ бузург аст аломоти Ӯ ва чӣ аҷоиб аст мӯъҷизоти Ӯ! Малакути
Ӯ малакути ҷовидонист, ва салтанати Ӯ то абад аст!+

## Фармони подшоҳ.

**4** [1] Ман, ки Набукаднесар ҳастам, дар хонаи худ ором будам ва
дар қасри худ зиндадил.
[2] Хобе дидам, ки маро ҳаросон кард, ва андешаҳои болои
бистарам ва рӯъёҳои сарам маро ба изтироб афканд+.
[3] Ва фармоне аз ҷониби ман дода шуд, ки ҳамаи ҳакимони
Бобилро ба хузури ман биёранд, то ки онҳо таъбири хобро ба ман
бигӯянд.

## Се рӯъёи Набукаднесар.

[4] Он гоҳ ғайбдонон, афсунгарон, мунаҷҷимон ва ҷодугарон
омаданд, ва ман хобро ба онҳо гуфтам, вале онҳо таъбири онро
натавонистанд ба ман баён намоянд+.
[5] Ва ниҳоят Дониёл, ки номаш мисли номи худои ман Балтшасар
аст, ва рӯҳи худоёни муқаддас дар ӯст, ба ҳузури ман омад, ва ман
хобро ба ӯ гуфтам+.
[6] «Эй Балтшасар, ки раиси ғайбдонон ҳастӣ, чун медонам, ки рӯҳи
худоёни муқаддас дар туст, ва ҳеҷ розе аз ту пӯшида нест! Чунин аст
рӯъёҳои хобе ки ман дидаам, ва таъбири онро ба ман бигӯй:
[7] Дар рӯъёҳои сарам бар бистарам медидам,
ва инак дарахте дар васати дуньё мебошад,
ва баландии азиме дорад+.
[8] Ин дарахт бузург ва мустаҳкам гардида,
баландияш то ба осмон расид,
ва то ақсои тамоми дуньё намоён мешуд.
[9] Баргҳояш зебо, ва мевааш фаровон,
ва ғизо барои ҳама дар он буд;
ҳайвоноти саҳро дар зери он паноҳ меёфтанд,
ва мурғони ҳаво бар шохаҳояш лона месохтанд,
ва тамоми башар аз он ғизо мегирифтанд.
[10] Дар рӯъёҳои сарам бар бистарам медидам,
ва инак фариштаи муқаддасе аз осмон фурӯд омад,
[11] Ва бо овози баланд фарьёд зада, гуфт:
„Дарахтро бибуред ва шохаҳояшро бишканед,
баргҳояшро биафшонед ва меваашро пароканда намоед;

бигзор ҳайвонот аз зераш,
ва мурғон аз шохаҳояш дур шаванд.
12 Аммо решаи асосиашро дар замин бимонед,
ва бигзор ӯ бо бандҳои оҳан
ва мис дар миёни сабзаи саҳро аз шабнами осмон тар шавад,
ва бо ҳайвонот насиби ӯ алафи замин бошад;
13 Дили инсон аз ӯ кашида гирифта шавад,
ва дили ҳайвон ба ӯ дода шавад,
ва ҳафт замон бар ӯ бигзарад.
14 Ин гап аз рӯи қарордоди фариштагон аст,
ва ин масъала аз рӯи ҳукми муқаддасон аст,
то зиндагон бидонанд,
ки Ҳаққи Таоло бар салтанати одамизод ҳукмфармост,
ва онро ба ҳар кӣ бихоҳад, медиҳад,
ва пасттарини одамонро бар он таъин мекунад“+.
15 Ин хобро ман, ки подшоҳ Набукаднесар ҳастам, дидаам, ва ту, эй
Балтшасар, таъбири онро бигӯй, чунки ҳамаи ҳакимони Бобил
натавонистанд таъбири онро ба ман бифаҳмонанд, валекин ту
метавонӣ, зеро ки рӯҳи худоёни муқаддас дар туст»+.

## Таъбири ин се рӯъё.

16 Он гоҳ Дониёл, ки Балтшасар ном дорад, ягон соат моту мабҳут
шуд, ва фикру хаёлаш ӯро ба ҳарос андохт. Подшоҳ хитоб намуда,
гуфт: «Эй Балтшасар, хоб ва таъбири он бигзор туро ба ҳарос
наандозад!» Балтшасар ҷавоб гардонда, гуфт: «Эй оғои ман, ин хоб ба
душманонат, ва таъбири он ба бадхоҳонат бошад!+
17 Дарахте ки ту дидаӣ, ки бузург ва мустаҳкам гардида,
баландияш то ба осмон расид, ва ба тамоми дуньё намоён мешуд,
18 Ва баргҳояш зебо, ва мевааш фаровон, ва ғизо барои ҳама дар он
буд, ва ҳайвоноти саҳро дар зери он сокин буданд, ва мурғони ҳаво
бар шохаҳояш лона месохтанд, —
19 Ин ту ҳастӣ, эй подшоҳ, ки бузург ва мустаҳкам гардидаӣ, ва
бузургии ту афзуда, то ба осмон расидааст, ва салтанати ту — то ба
ақсои замин+.
20 Ва ин ки подшоҳ фариштаи муқаддасро дидааст, ки вай аз осмон
фурӯд омада, гуфтааст: „Ин дарахтро бурида, несту нобуд кунед,

аммо решаи асосиашро дар замин бимонед, ва бигзор ӯ бо бандҳои оҳан ва мис дар миёни сабзаи саҳро аз шабнами осмон тар шавад, ва бо ҳайвоноти саҳро насиби ӯ бошад, то ки ҳафт замон бар ӯ бигзарад“, —
21 Ҳамин аст таъбири он, эй подшоҳ, ва ҳамин аст қарордоди Ҳаққи Таоло, ки ба сари оғоям подшоҳ меояд.
22 Ва туро аз миёни одамон бадар хоҳанд ронд, ва маскани ту бо ҳайвоноти саҳро хоҳад буд, ва туро мисли говон алаф хоҳанд хӯронид, ва туро аз шабнами осмон тар хоҳанд кард, ва ҳафт замон бар ту хоҳад гузашт, то эътироф кунӣ, ки Ҳаққи Таоло бар салтанати одамизод хукмфармост, ва онро ба ҳар кӣ бихоҳад, медиҳад.
23 Ва ин ки амр фармудаанд, ки решаи асосии дарахтро бимонед, ин яъне салтанати ту боқӣ хоҳад монд, агар эътироф кунӣ, ки осмон хукмронӣ менамояд.
24 Аммо, эй подшоҳ, бигзор машварати ман ба ту писанд ояд, ва ту хатоҳои худро бо аъмоли нек, ва гуноҳҳои худро бо шафқат ба камбағалон қатъ намо, — бо ин роҳ оромии ту тӯл хоҳад ёфт»+.
25 Ҳамаи ин ба подшоҳ Набукаднесар рӯй дод.
26 Баъд аз гузаштани дувоздаҳ моҳ, бар қасри хисравӣ дар Бобил сайру гардиш карда,
27 Подшоҳ ба сухан оғоз намуд ва гуфт: «Ин, охир, Бобили бузург аст, ки ман онро барои хонаи салтанат бо тавоноии қудрати худ ва ба шарафи ҷалоли худ бино кардаам!»

## Се рӯъё ба амал омад; беморӣ ва сиҳатьёбии подшоҳ.

28 Ин сухан ҳанӯз ба забони подшоҳ буд, ки овозе аз осмон баромад: «Дар ҳаққи ту, эй подшоҳ Набукаднесар, мегӯем: салтанат аз ту дур шудааст!
29 Ва туро аз миёни одамон бадар хоҳанд ронд, ва маскани ту бо ҳайвоноти саҳро хоҳад буд, ва туро мисли говон алаф хоҳанд хӯронид, ва ҳафт замон бар ту хоҳад гузашт, то эътироф кунӣ, ки Ҳаққи Таоло бар салтанати одамизод ҳукмфармост, ва онро ба ҳар кӣ бихоҳад, медиҳад».
30 Дар ҳамон соат ин чиз бар Набукаднесар ба амал омад, ва ӯ аз миёни одамон бадар ронда шуд, ва мисли говон алаф хӯрд, ва аз

шабнами осмон баданаш тар шуд, ба тавре ки мӯйҳояш мисли
парҳои уқоб, ва нохунҳояш мисли чанголи мурғон калон шуд.
31 Ва баъд аз итмоми он айём ман, ки Набукаднесар ҳастам,
чашмонамро сӯи осмон бардоштам, ва ақлам ба ман баргашт, ва
Ҳаққи Таолоро муборак хондам, ва Ҳайи Лоямутро ситоиш намудам
ва ҳамд гуфтам,
ки салтанати Ӯ ҷовидонист
ва малакути Ӯ то абад аст+.
32 Ва ҳамаи сокинони замин ҳеҷ ҳисоб меёбанд,
ва Ӯ ба лашкари осмон
ва сокинони замин бар тибқи иродаи Худ амал мекунад,
ва касе нест, ки дасти Ӯро рад намояд
ва ба Ӯ бигӯяд: «Чӣ мекунӣ?»+
33 Дар ҳамон вақт ақлам ба ман баргашт, ва ба шарафи салтанати
ман шукӯҳ ва шавкатам ба ман баргашт, ва маро мушовирон ва
акобири ман талабиданд, ва бар салтанати худ аз нав барқарор
гардидам, ва кибриёи ман афзунтар шуд+.
34 Алҳол ман, ки Набукаднесар ҳастам, Подшоҳи осмонро ҳамд ва
сано ва такбир мегӯям, ки тамоми аъмоли Ӯ ростист, ва роҳҳои Ӯ
адолат аст, ва Ӯ касонеро, ки бо ғурур роҳ мераванд, метавонад паст
кунад.

## Тақдири Дониёл дар замони подшоҳии Балшасар ва Дорьёвеш.

**5** 1 Подшоҳ Балшасар барои ҳазор нафар акобири худ базми
бузурге орост, ва дар ҳузури он ҳазор нафар шароб нӯшид+.
2 Бо кайфи шароб Балшасар фармон дод, ки зарфҳои тилло ва
нуқраеро, ки падараш Набукаднесар аз маъбади Ерусалим берун
оварда буд, биёранд, то ки подшоҳ ва акобираш, манкӯҳаҳояш ва
сурриягонаш аз онҳо бинӯшанд+.
3 Он гоҳ зарфҳои тиллоро, ки аз қудси хонаи Худо, ки дар
Ерусалим аст, гирифта шуда буд, оварданд, ва подшоҳ ва акобираш,
манкӯҳаҳояш ва сурриягонаш аз онҳо нӯшиданд, —
4 Шароб менӯшиданд ва худоёнеро, ки аз тилло ва нуқра, мис,
оҳан, чӯб ва санг буд, ҳамд мегуфтанд+.

## Навиштае бар девор.

5 Дар ҳамон соат ангуштҳои дасти одам пайдо шуда, дар рӯ ба рӯи
чароғдон, бар гаҷи девори қасри подшоҳ навишт, ва подшоҳ кафи
дастро, ки менавишт, дид.
6 Он гоҳ ранги рӯи подшоҳ канд, ва фикру хаёлаш ӯро ҳаросон
кард, бандҳои камараш бемаҷол гардид, ва зонуҳояш ларзида, ба хам
мехӯрд+.
7 Подшоҳ бо овози баланд фарьёд зад, ки афсунгарон, мунаҷҷимон
ва ҷодугаронро биёранд. Подшоҳ ба ҳакимони Бобил хитоб намуда,
гуфт, ки «ҳар касе ки ин навиштаро бихонад ва маъноящро ба ман
бифаҳмонад, ҷомаи арғувон пӯшонида хоҳад шуд, ва тавқи заррин
бар гарданаш овехта хоҳад шуд, ва ҳокими сеюм дар мамлакат таъин
хоҳад гардид»+.
8 Он гоҳ ҳамаи ҳакимони Бобил омаданд, вале натавонистанд
навиштаро бихонанд ва маънои онро ба подшоҳ бифаҳмонанд+.
9 Подшоҳ бағоят ҳаросон шуд, ва ранги рӯяш канд, ва акобираш
мушавваш гардиданд.
10 Малика суханони подшоҳ ва акобирашро шунида, ба базмгоҳ
даромад; малика хитоб намуда, гуфт: «Эй подшоҳ, то абад зинда бош!
Бигзор фикру хаёлат туро ҳаросон накунад, ва ранги рӯят наканад+.

11 Шахсе дар мамлакати ту ҳаст, ки рӯҳи худоёни муқаддас дар
ӯст, ва дар айёми падарат рӯшноӣ ва хирад ва ҳикмат, ба монанди
ҳикмати худоён дар ӯ ёфт шудааст, ва подшоҳ Набукаднесар,
падарат, ӯро раиси ғайбдонон, афсунгарон, мунаҷҷимон ва
ҷодугарон таъин намудааст, — худи падарат, эй подшоҳ!+
12 Азбаски рӯҳи олидараҷа ва дониш, ва лаёқати таъбир кардани
хобҳо, ҳал намудани муаммоҳо ва кушодани гиреҳҳо дар ин Дониёл
ёфт шудааст, ва подшоҳ ӯро Балтшасар ном ниҳодааст, пас бигзор
алҳол Дониёлро бихонанд, ва ӯ таъбирро баён хоҳад кард»+.
13 Он гоҳ Дониёлро ба ҳузури подшоҳ оварданд, ва подшоҳ ба
Дониёл хитоб намуда, гуфт: «Оё ту ҳамон Дониёл аз байни асирони
Яҳудия ҳастӣ, ки падарам подшоҳ аз Яҳудия оварда буд?
14 Ва дар бораи ту шунидаам, ки рӯҳи худоён дар туст, ва рӯшноӣ
ва хирад ва ҳикмати олидараҷа дар ту ёфт шудааст.
15 Ва алҳол, ҳакимон ва афсунгаронро ба ҳузури ман оварданд, то
ки ин навиштаро бихонанд ва маънояшро ба ман бифаҳмонанд,
валекин натавонистанд ин маънорo бигӯянд.
16 Ва ман дар бораи ту шунидам, ки ба ҳалли муаммоҳо ва
кушодани гиреҳҳо қодир ҳастӣ. Пас, агар алҳол тавонӣ навиштаро
бихонӣ ва маънои онро ба ман бифаҳмонӣ, ҷомаи арғувон хоҳӣ
пӯшид, ва тавқи заррин бар гарданат овехта хоҳад шуд, ва ҳокими
сеюм дар мамлакат таъин хоҳӣ гардид».

## Таъбири навиштаи асроромез.

17 Он гоҳ Дониёл ба ҳузури подшоҳ ҷавоб гардонда, гуфт:
«Инъомҳои ту бигзор аз они ту бошад, ва мукофоти худро ба дигаре
бидеҳ, аммо навиштаро ба подшоҳ хоҳам хонд ва маънояшро ба ӯ
хоҳам фаҳмонд+.
18 Эй подшоҳ! Худои Таоло ба падарат Набукаднесар салтанат ва
бузургӣ ва ҷалол ва шавкат бахшид,
19 Ва аз боиси бузургие ки ба ӯ дода буд, ҳамаи қавмҳо, умматҳо ва
забонҳо аз ӯ дар тарсу ларз буданд: ҳар киро мехост — мекушт, ва ҳар
киро мехост — зинда мемононд, ҳар киро мехост — баланд
мебардошт, ва ҳар киро мехост — ба залолат меандохт.
20 Вале вақте ки дилаш пурғурур ва рӯҳаш барои бадкорӣ сахт шуд,
ӯ аз тахти салтанати худ сарнагун гардида, ҷалолаш аз ӯ гирифта

шуд,+
[21] Ва ӯ аз миёни банӣ-одам бадар ронда шуд, ва дилаш мисли дили
ҳайвон гардид, ва масканаш бо гӯрхарон шуд; ӯро мисли говон алаф
мехӯронданд, ва аз шабнами осмон баданаш тар мешуд, то эътироф
кард, ки Худои Таоло бар салтанати одамизод ҳукмфармост, ва ҳар
киро бихоҳад, бар он таъин мекунад+.
[22] Ва ту, эй писари ӯ Балшасар, дили худро ба тавозӯъ моил
накардӣ, гарчанде ки ҳамаи инро медонистӣ;
[23] Ва худро бар Худованди осмон баланд гирифтӣ, ва зарфҳои
хонаи Ӯро ба ҳузури ту оварданд, ва ту ва акобири ту, манкӯҳаҳоят ва
сурриягонат аз онҳо шароб нӯшидед, ва худоёнеро, ки аз нуқра ва
тилло, мис ва оҳан, чӯб ва санг ҳастанд, ва намебинанд,
намешунаванд ва намедонанд, ҳамд гуфтӣ, вале Худоеро, ки ҷонат
дар дасти Ӯст, ва ҳамаи роҳҳоят пеши назари Ӯст, ҷалол надодӣ+.
[24] Он гоҳ аз ҷониби Ӯ кафи дасте фиристода шуд, ва ин навишта
тасвир ёфт.
[25] Ва ин аст навиштае ки тасвир ёфтааст: МНЭ, МНЭ, ТКЕЛ,
ВУФАРСИН.
[26] Чунин аст маънои ин суханон: МНЭ — Худо айёми салтанати
туро ҳисоб карда, ба он хотима додааст;
[27] ТКЕЛ — ту бар тарозу баркашида шудаӣ, ва вазни ту бағоят сабук
баромадааст;+
[28] ФРС — салтанати ту тақсим карда, ба Модай ва Форс дода
шудааст».
[29] Он гоҳ Балшасар фармон дод, ва Дониёлро ҷомаи арғувон
пӯшонданд, ва тавқи заррин бар гарданаш овехтанд, ва дар ҳаққи ӯ
эълон карданд, ки ҳокими сеюм дар мамлакат мешавад.
[30] Дар ҳамон шаб Балшасар, подшоҳи калдониён, кушта шуд.
[31] Ва Доръёвеши модаӣ соҳиби салтанат гардид, дар ҳолате ки
шасту дусола буд+.

## Соҳиби салтанат гардидани Дорьёвеш, ва фармони ӯ.

**6** 1 Дорьёвеш салоҳ донист, ки саду бист ҳоким бар мамлакат
таъин намояд, то ки онҳо бар тамоми мамлакат бошанд.
2 Ва бар онҳо — се нозир, ки Дониёл яке аз онҳо буд, то ки он
ҳокимон ба онҳо ҳисобот диҳанд, ва ҳеҷ зараре ба подшоҳ нарасад.
3 Дониёл дар миёни он нозирон ва ҳокимон мумтоз буд, чунки
рӯҳи олидараҷае дошт, ва подшоҳ ният дошт, ки ӯро бар тамоми
мамлакат таъин намояд+.
4 Нозирон ва ҳокимон баҳона меҷустанд, то ки аз ҷиҳати идораи
мамлакат айбе ба гардани Дониёл бор кунанд, вале ҳеҷ айбе ва
фасоде натавонистанд пайдо кунанд, зеро ки ӯ амин буд, ва ҳеҷ хато
ва фасоде дар ӯ ёфт нашуд+.
5 Пас он шахсон гуфтанд: «Дар ҳаққи ин Дониёл ҳеҷ айбе пайдо
нахоҳем кард, магар ин ки дар шариати Худои ӯ ба муқобили ӯ чизе
пайдо кунем».
6 Он нозирон ва ҳокимон назди подшоҳ ҷамъ омада, ба ӯ чунин
гуфтанд: «Эй подшоҳ Дорьёвеш, то абад зинда бош!+
7 Ҳамаи нозирони мамлакат, сардорон ва ҳокимон, мушовирон ва
волиён маслиҳатро ба як ҷо монданд, ки ба ҳузури подшоҳ қасам ёд
кунанд ва чунин фармони манъро дастгирӣ намоянд, ки ҳар кӣ то сӣ
рӯз аз ягон худо ё одам, ҷуз аз ту, эй подшоҳ, илтимосе кунад, дар
чоҳи шерон андохта шавад.
8 Алҳол, эй подшоҳ, ин манъро тасдиқ кун ва фармонеро имзо
намо, ки тағьирнопазир бошад, мувофиқи шариати Модай ва Форс,
ки мансух намешавад»+.
9 Ва подшоҳ Дорьёвеш он фармон ва он манъро имзо намуд.
10 Чун Дониёл фаҳмид, ки чунин фармон имзо шудааст, ба хонаи
худ омад; тирезаҳои болохонаи ӯ ба самти Ерусалим кушода буд, ва ӯ
рӯзе се карат зону зада, дуо мегуфт ва Худои худро ҳамд мехонд,
чунон ки ӯ пеш аз ин ҳам мекард+.
11 Он гоҳ ин шахсон бо ғавғо омада, Дониёлро дар ҳолате ёфтанд,
ки назди Худои худ дуо гуфта, марҳамат металабид.
12 Ва онҳо назди подшоҳ омада, дар бораи фармони манъи подшоҳ
сухан ронданд: «Ту, охир, фармонеро имзо намудӣ, ки ҳар кӣ то сӣ
рӯз аз ягон худо ё одам, ҷуз аз ту, эй подшоҳ, илтимосе кунад, дар

чоҳи шерон андохта шавад?» Подшоҳ ҷавоб гардонда, гуфт: «Ин сухан дуруст аст, мувофиқи шариати Модай ва Форс, ки мансух намешавад».
[13] Пас онҳо ба подшоҳ ҷавоб гардонда, гуфтанд: «Ин Дониёл, ки аз асирони Яҳудия аст, ба ту, эй подшоҳ, ва ба фармони манъе ки имзо намудаӣ, эътино намекунад, балки рӯзе се карат дуои худро мегӯяд»+.
[14] Вақте ки подшоҳ ин суханро шунид, аз худаш бисьёр норозӣ шуд, ва дар дили худ аҳд кард, ки Дониёлро бираҳонад, ва то ғуруби офтоб барои раҳонидани ӯ саъю кӯшиш намуд.
[15] Лекин он шахсон назди подшоҳ ҷамъ омада, ба подшоҳ гуфтанд: «Бидон, эй подшоҳ, ки қонуни Модай ва Форс ин аст, ки ҳеҷ манъ ва фармонро, ки подшоҳ муқаррар намудааст, тағьир додан мумкин нест».
[16] Он гоҳ подшоҳ фармон дод, ва Дониёлро оварда, дар чоҳи шерон андохтанд. Подшоҳ ба Дониёл хитоб намуда, гуфт: «Худои ту, ки Ӯро ҳамеша ибодат менамоӣ, туро халос хоҳад кард».
[17] Ва санге оварда, онро дар даҳани чоҳ гузоштанд, ва подшоҳ онро бо нигини худ ва бо нигини акобири худ мӯҳр зад, то фармоне ки дар бораи Дониёл дода шудааст, тағьир дода нашавад+.
[18] Сонӣ подшоҳ ба қасри худ рафта, шабро бо рӯзадорӣ гузаронд, ва асбоби ишрати ӯро ба ҳузури ӯ наоварданд, ва хобаш аз ӯ гурехт.
[19] Бомдодон, баробари кафидани чашми рӯз, подшоҳ бархоста, шитобон сӯи чоҳи шерон рафт.
[20] Ва ҳангоме ки ба чоҳ наздик шуд, бо овози маҳзунона сӯи Дониёл фарьёд зад, ва подшоҳ ба Дониёл хитоб намуда, гуфт: «Эй Дониёл, бандаи Худои Ҳай! Худои ту, ки Ӯро ҳамеша ибодат менамоӣ, оё тавонист туро аз шерон халос кунад?»
[21] Он гоҳ Дониёл ба подшоҳ гуфт: «Эй подшоҳ, то абад зинда бош!+
[22] Худои ман фариштаи Худро фиристода, даҳони шеронро баст, ва онҳо ба ман осебе нарасонданд, чунки ба ҳузури Ӯ дар ман гуноҳе ёфт нашуд, пеши ту низ, эй подшоҳ, ман ҷинояте накардаам».
[23] Он гоҳ подшоҳ бағоят шод шуда, амр фармуд, ки Дониёлро аз чоҳ берун оваранд; ва Дониёлро аз чоҳ берун оварданд, дар ҳолате ки ба ӯ ҳеҷ осебе нарасида буд, зеро ки ӯ ба Худои худ имон дошт+.

## Фармони Дорьёвеш.

24 Ва подшоҳ амр фармуд, ва он шахсонро, ки дар ҳаққи Дониёл
чуғӯл карда буданд, оварда, дар чоҳи шерон андохтанд, — ҳам
худашонро, ҳам бачагон ва занонашонро; ва ҳанӯз ба таги чоҳ
нарасида буданд, ки шерон ба онҳо ҳамла оварда, ҳамаи
устухонҳошонро пора-пора карданд+.
25 Баъд аз ин, подшоҳ Дорьёвеш ба ҳамаи қавмҳо, умматҳо ва
забонҳое ки дар тамоми мамлакат сокин буданд, навишт:
«Саломатии шумо афзун бод!+
26 Аз ҷониби ман фармон дода мешавад, ки дар тамоми салтанати
мамлакати ман ба ҳузури Худои Дониёл ларзон ва тарсон бошанд;
зеро ки Ӯ Худои Ҳай ва Қайюми Ҷовидвуҷуд аст,
ва малакути Ӯ безавол аст,
ва салтанати Ӯ беинтиҳост+.
27 Ӯ халос мекунад ва наҷот медиҳад,
ва бар осмон ва замин аломот ва мӯъҷизот ба амал меоварад,
ва Ӯ Дониёлро аз панҷаи шерон раҳоӣ додааст»+.
28 Ва ин Дониёл дар салтанати Дорьёвеш ва дар салтанати Куруши
форсӣ комьёб гардид+.

## Рӯъёҳои Дониёл: дар рӯъё падид омадани ҳайвонҳо.

**7** 1 Дар соли якуми Балшасар, подшоҳи Бобил, Дониёл бар
бистари худ хобе ва рӯъёҳои сари худро дид; он гоҳ хобро
навишта, асли масъаларо баён кард+.
2 Дониёл ба сухан оғоз намуда, гуфт: «Шабона дар рӯъёи худ
дидам, ва инак, чор боди осмон бар баҳри бузург ҳамла оварданд,+
3 Ва чор ҳайвони калон, ки аз ҳамдигар фарқ доштанд, аз баҳр
берун омаданд+.

## Ҳайвони якум — салтанати Набукаднесар.

4 Якуми онҳо мисли шер буд, вале болҳои уқобро дошт; ва дидам,
ки болҳои он канда шуд, ва он аз замин бардошта шуд, ва мисли
одамизод бар пойҳояш гузошта шуд, ва дили одамӣ ба он дода шуд.

## Ҳайвони дуюм — салтанати Форс.

5 Ва инак, ҳайвони дигари дуюм, ки мисли хирс буд, ва дар як
тараф меистод, ва дар даҳони он, дар миёни дандонҳояш, се дандони
ашкӣ буд, ва ба он чунин гуфтанд: „Бархез ва гӯшти бисьёре бихӯр!“

## Ҳайвони сеюм — салтанати Мақдуния.

6 Баъд аз он дидам, ва инак, ҳайвони дигаре ки мисли паланг буд,
ва бар тахтапушташ чор боли мурғро дошт; ва ин ҳайвон чор калла
дошт, ва салтанат ба он дода шуда буд+.

## Ҳайвони чорум — салтанати Рум.

7 Баъд аз он дар рӯъёҳои шаб дидам, ва инак, ҳайвони чорум, ки
саҳмгин ва даҳшатангез ва бисьёр бақувват буд, ва дандонҳои калони
оҳанин дошт; вай мехӯрд ва пора-пора мекард, ва боқимондаро бо
пойҳои худ поймол менамуд, ва аз ҳамаи ҳайвонҳое ки пеш аз вай
буданд, фарқ дошт, ва шохаш даҳто буд+.

## Салтанатҳои даҳ подшоҳ ва шохи майда.

8 Ба он шоххо менигаристам, ва инак, як шохи дигари майдае аз
миёни онҳо баромад, ва сето аз шоххои пештара пеши он решакан
гардид, ва инак, дар ин шох чашмоне буд мисли чашмони одамизод,
ва даҳоне буд, ки густохона сухан меронд+.

## Атиқулайём ва Писар.

9 Ва дидам, ки тахтҳо барқарор гардид;
ва Атиқулайём нишаста буд;
либоси Ӯ мисли барф сафед,
ва мӯйсари Ӯ мисли пашм пок буд;
тахти Ӯ — шарораҳои оташ,
чархҳои он — оташи сӯзон;+
10 Наҳри оташ аз пеши Ӯ ҷорӣ шуда, берун меомад;
ҳазорон-ҳазор ба ӯ хизмат мекарданд,
ва беварҳо-бевар ба ҳузури ӯ меистоданд;
доварӣ ба муҳокима нишаст,
ва дафтарҳо кушода шуд+.
11 Он гоҳ ман дидам, ки аз боиси садои суханони густохонае ки он
шох мегуфт, дар пеши назарам он ҳайвон кушта шуд, ва ҷасадаш
нобуд гардида, дар оташ андохта шуд+.
12 Ва ҳайвонҳои боқӣ аз салтанаташон дур карда шуданд, валекин
дарозии умр то замоне ва муддате ба онҳо дода шуд.
13 Дар рӯъёҳои шаб ман дидам,
ва инак, мисли Писари одам бо абрҳои осмон меомад,
ва то Атиқулайём расид,
ва ба ҳузури Ӯ наздик оварданд+.
14 Ва салтанат ва ҷалол ва малакут ба Ӯ дода шуд,
то ки ҳамаи қавмҳо, умматҳо ва забонҳо Ӯро ибодат намоянд;
салтанати Ӯ салтанати ҷовидонист, ки завол нахоҳад ёфт
ва малакути Ӯ нест нахоҳад шуд+.

## Таъбири падид омадани ҳайвонҳо.

15 Рӯҳи ман, Дониёл, андаруни ҷасадам мушавваш гардид, ва
рӯъёҳои сарам маро ҳаросон кард+.
16 Ман ба яке аз истодагон наздик шуда, ҳақиқатро дар бораи
ҳамаи ин аз ӯ пурсидам, ва ӯ ба ман сухан ронда, асли масъаларо ба
ман фаҳмонд:
17 „Ин ҳайвонҳои калон, ки чорто ҳастанд, чор подшоҳанд, ки аз
замин хоҳанд бархост.
18 Ва муқаддасони Ҳаққи Таоло салтанатро хоҳанд пазируфт, ва
салтанатро то абад ва то абадулобод мерос хоҳанд гирифт“+.

[19] Он гоҳ ман хостам ҳақиқатро дар бораи ҳайвони чорум
бидонам, ки он аз ҳамаи дигарон фарқ дошта, бағоят саҳмгин буд:
дандонҳояш оҳанин ва чанголаш мисин буд, вай мехӯрд ва пора-пора
мекард ва боқимондаро бо пойҳои худ поймол менамуд;
[20] Ва дар бораи даҳ шохе ки бар сари он буд, ва дар бораи шохи
дигаре ки баромад, ва се шох пеши он решакан гардид, — дар бораи
ҳамон шохе ки чашмон ва даҳоне дошт, ки густохона сухан меронд,
ва намуди он аз дигарон калонтар буд.
[21] Ва ман дидам, ки он шох бо муқаддасон ҷангида, бар онҳо ғолиб
меомад,+
[22] То даме ки Атиқулайём омад, ва доварӣ ба муқаддасони Ҳаққи
Таоло супурда шуд, ва замоне фаро расид, ва малакутро муқаддасон
мерос гирифтанд.
[23] Чунин гуфт: „Ҳайвони чорум салтанати чорум бар замин хоҳад
буд, ки он аз ҳамаи салтанатҳо фарқ хоҳад дошт, ва тамоми заминро
хоҳад хӯрд, ва онро поймол намуда, пора-пора хоҳад кард+.
[24] Ва даҳ шох, ин яъне аз он салтанат даҳ подшоҳ хоҳанд бархост,
ва подшоҳи дигаре баъд аз онҳо хоҳад бархост, ва ӯ аз подшоҳони
аввалин фарқ хоҳад дошт, ва се подшоҳро сарнагун хоҳад кард,
[25] Ва суханон бар зидди Ҳаққи Таоло хоҳад гуфт, ва муқаддасони
Ҳаққи Таолоро мазлум хоҳад кард, ва дар роҳи тағйир додани
мӯҳлатҳо ва шариат хоҳад кӯшид, ва онҳо то замоне ва ду замон ва
нисфи замон ба дасти ӯ супурда хоҳанд шуд.
[26] Ва доварӣ ба муҳокима хоҳад нишаст, ва салтанати ӯро аз ӯ
гирифта, то охир несту нобуд хоҳанд кард.
[27] Ва малакут ва салтанат ва кибриёи малакутҳо дар таҳти тамоми
осмон ба муқаддасон, яъне ба қавми Ҳаққи Таоло дода хоҳад шуд, ки
малакути Ӯ малакути ҷовидонист, ва ҳамаи салтанатҳо ба Ӯ хизмат
ва итоат хоҳанд кард“+.
[28] Фарҷоми сухан то ин ҷост. Фикрҳои ман, Дониёл, маро бағоят
мушавваш намуд, ва ранги рӯям дигаргун шуд, вале ин гапро дар
дили худ нигоҳ доштам»+.

## Дар рӯъё падид омадани қӯчқоре назди наҳр ва нарбузе.

8 [1] Дар соли сеюми салтанати подшоҳ Балшасар, ба ман, Дониёл,
рӯъёе зоҳир шуд, баъд аз он ки бори аввал ба ман зоҳир шуда
буд+.
[2] Ва дар рӯъё дидам, — ман худро дар Шушани пойтахт, ки дар
вилояти Элом воқеъ аст, дидам; — ва дар рӯъё дидам, ки ман назди
наҳри Улой мебошам+.
[3] Ва чашмонамро боло бардошта, дидам, ки инак, қӯчқоре назди
наҳр истодааст, ва он ду шох дорад, ва шохҳояш баланд аст, вале яке
аз дигаре баландтар аст, ва баландтараш дертар баромад.
[4] Дидам, ки ин қӯчқор ба самти ғарб ва шимол ва ҷануб шох
мезанад, ва ҳеҷ ҳайвоне наметавонад пеши он истодагӣ намояд, ва
касе нест, ки аз дасти он халос кунад; ва он ҳар чи мехост, мекард, ва
бузург мешуд.
[5] Ва ман назар мекардам, ва инак, нарбузе аз ғарб бар рӯи тамоми
замин меояд; пойҳояш ба замин намерасид; ва шохе дар мобайни
чашмони нарбуз намоён буд.
[6] Ва ба тарафи он қӯчқори соҳиби ду шох, ки дида будам назди
наҳр истодааст, равона шуд ва бо шиддати хашми худ сӯи он давид.
[7] Ва онро дидам, ки ба қӯчқор наздик шуда, бо ғазаб ба он ҳамла
овард, ва қӯчқорро зада, ду шохи онро шикаст; ва қӯчқорро маҷоле
набуд, ки пеши он истодагӣ намояд, ва он варо бар замин афканда,
поймол намуд, — ва касе набуд, ки қӯчқорро аз дасташ халос кунад+.
[8] Ва нарбуз ниҳоятдараҷа бузург шуд, ва ҳангоме ки пурзӯр
гардид, шохи калонаш шикаст, ва дар ҷои он чор шох пайдо шуд, ки
сӯи чор боди осмон нигаронида шуда буд+.
[9] Ва аз яке аз онҳо як шохи майдае баромад, ки ба самти ҷануб ва
ба самти шарқ ва ба самти замини дилписанд бағоят бузург шуд+.
[10] Ва ин шох то лашкари осмон бузург шуд, ва як қисми лашкар ва
ситорагонро бар замин афканда, поймол намуд+.
[11] Ва он то Сарвари лашкар бузург шуд, ва қурбонии доимӣ аз Ӯ
гирифта шуд, ва макони муқаддаси Ӯ тарк карда шуд;+
[12] Ва ба қурбонии доимӣ ба василаи маъсият хотима дода хоҳад
шуд; ва ростӣ бар замин афканда хоҳад шуд; ва ин шох дар тамоми
кораш комьёб гардид.

[13] Ва ман муқаддасеро шунидам, ки сухан мегуфт, ва ин муқаддас
ба фалонӣ сухан ронда, гуфт: «Рӯъё дар бораи қурбонии доимӣ ва
дар бораи маъсияти харобиовар, ки қудс ва лашкарро поймол
намудааст, то ба кай хоҳад буд?»+
[14] Ва ба ман гуфт: «То ду ҳазору сесад шом ва субҳ; ва он гоҳ адл
дар қудс барқарор хоҳад шуд».
[15] Ва воқеъ шуд вақте ки ман, Дониёл, ин рӯъёро дидам, ва маънои
онро меҷустам, — инак, дар рӯ ба рӯям мисли қиёфаи марде намудор
шуд.
[16] Ва ман аз даруни Улой овози одамиро шунидам, ки хитоб
намуда, мегуфт: «Эй Ҷаброил! Ба вай ин рӯъёро бифаҳмон»+.
[17] Ва ӯ ба он ҷо, ки ман истода будам, омад, ва чун омад, ман
ҳаросон шуда, бар рӯи худ афтодам; ва ӯ ба ман гуфт: «Бидон, эй
писари одам, ки ин рӯъё ба замони охир таааллуқ дорад»+.
[18] Ва ҳангоме ки ӯ ба ман сухан мегуфт, ман рӯй бар замин
мадҳуш будам; вале ӯ ба ман даст расонд, ва маро дар ҷое ки истода
будам, ба по хезонд+.
[19] Ва гуфт: «Инак, ман туро аз он чи дар охири ғазаб рӯй хоҳад дод,
огоҳ менамоям, чунки ин замон ба охир хоҳад расид+.
[20] Қӯчқори соҳиби ду шох, ки ту дидаӣ, подшоҳони Модай ва Форс
мебошанд.
[21] Ва он нарбуз подшоҳи Юнон аст, ва шохи калоне ки дар мобайни
чашмони ӯ буд, подшоҳи аввалин аст+.
[22] Ва ин ки он шох шикаст ва дар ҷояш чортои дигар баромад, ин
яъне аз он халқ чор салтанат барпо хоҳанд шуд, вале қувваташон
мисли қуввати ӯ нахоҳад буд.
[23] Ва дар охири салтанати онҳо,
вақте ки осиён бадкории худро ба анҷом мерасонанд,
подшоҳи бешарм ва дасисакоре хоҳад бархост;
[24] Ва қувваташ бузург хоҳад буд, вале на ба сабаби қуввати худи ӯ;
ва харобиҳои аҷибе ба амал хоҳад овард,
ва дар аъмолаш комьёб хоҳад шуд,
ва зӯроварон ва қавми муқаддасонро ба ҳалокат хоҳад расонд;+
[25] Ва ба туфайли ақлаш
дар дасисакорӣ муваффақият ба даст хоҳад овард,
ва дар дили худ мағрур хоҳад шуд,

ва бисьёр осоиштагонро ба ҳалокат хоҳад расонд,
ва бар зидди Сарвари сарварон қиём хоҳад кард,
ва бе он ки дасте расида бошад, шикаст хоҳад хӯрд+.
26 Ва рӯъёи оид ба шом ва субҳ,
ки дар бораи он сухан рафт, дуруст аст,
валекин ту ин рӯъёро пинҳон намо,
зеро ки он баъд аз айёми зиёде ба вуқӯъ хоҳад омад»+.
27 Ва ман, Дониёл, музтариб шуда, якчанд рӯз бемор хобидам; ва
чун бархостам, ба корҳои подшоҳ машғул шудам; ва аз рӯъё дар
ҳайрат будам, вале касе инро пай набурд.

## Рӯъё дар бораи ҳафтод ҳафтсола.

9 [1] Дар соли аввали Дорьёвеш ибни Аҳашверӯш аз насли Модай,
ки бар мамлакати калдониён подшоҳ шуда буд, —+
[2] Дар соли аввали подшоҳии ӯ ман, Дониёл, дар китобҳо ба
шумораи солҳо диққат додам, ки каломи Худованд дар бораи он ба
Ирмиёи набӣ нозил шуда буд, ки ба харобии Ерусалим ҳафтод сол
пур хоҳад шуд+.

## Дуо дар бораи қавми Исроил.

[3] Ва ман рӯи худро сӯи Худованд Худо нигаронидам, то ки бо дуо
ва тазаррӯъҳо, ба василаи рӯзадорӣ ва палос ва хокистар илтимос
намоям+.
[4] Ва пеши Худованд Худои худ дуо гуфта ва эътироф намуда,
гуфтам: «Лутфан, эй Худованд, Худои бузург ва саҳмгин, ки аҳд ва
марҳаматро ба дӯстдорони Худ ва ба риоякунандагони аҳкоми Худ
нигоҳ медорӣ!+
[5] Мо гуноҳ кардаем ва гумроҳ шудаем, шарирона рафтор
намудаем ва осӣ гардидаем, аз аҳкоми Ту ва аз дастурҳои Ту рӯй
гардондаем,+
[6] Ва ба бандагонат анбиё, ки ба исми Ту ба подшоҳони мо, ба
сарварон ва падарони мо ва ба тамоми қавми мамлакат сухан
меронданд, гӯш надодаем+.
[7] Адолат аз они Туст, эй Худованд, ва хиҷолат аз они мост, чунон
ки имрӯз низ ҳамин тавр аст, — аз они мардони Яҳудо ва сокинони
Ерусалим ва ҳамаи исроилиёни наздик ва дур, дар ҳамаи кишварҳое
ки Ту онҳоро барои хиёнате ки дар ҳаққи Ту кардаанд, ба он ҷо
пароканда намудаӣ.
[8] Худовандо! Хиҷолат аз они мост, — аз они подшоҳони мо ва
сарварони мо ва падарони мо, чунки ҳамаи мо пеши Ту гуноҳ
кардаем.
[9] Аммо Худованд Худои мо дорои раҳм ва омурзишҳост, гарчанде
ки ба Ӯ осӣ шудаем,+
[10] Ва ба овози Худованд Худои мо гӯш надодаем, то бар тибқи
таълимоти Ӯ, ки ба воситаи бандагонаш анбиё ба мо пешниҳод
кардааст, рафтор намоем.

11 Ва тамоми Исроил Тавроти Туро вайрон кардаанд ва аз он рӯй
гардондаанд, то ки ба овози Ту гӯш надиҳанд, ва аз ин сабаб лаънат
ва савганде ки дар Таврoти Мусои бандаи Худо навишта шудааст, бар
мо рехта шуд, зеро ки мо пеши Ӯ гуноҳ кардаем+.
12 Ва Ӯ каломи Худро, ки дар ҳаққи мо ва дар ҳаққи доварони мо,
ки бар мо доварӣ мекарданд, гуфта буд, иҷро намуда, бар мо
мусибати бузурге овард, ки мисли он зери тамоми осмон ба амал
наомадааст, чунон ки дар Ерусалим ба амал омадааст;+
13 Тамоми ин мусибат, чунон ки дар Таврoти Мусо навишта
шудааст, бар мо омадааст; валекин мо пеши Худованд Худои мо
тазаррӯъ накардаем, то ки аз маъсиятҳои худ даст кашем ва ростии
Туро дарк намоем+.
14 Ва Худованд бар ин мусибат исрор намуда, онро бар мо овард,
зеро ки Худованд Худои мо дар ҳамаи корҳое ки мекунад, одил аст,
вале мо ба овози ӯ гӯш надодаем+.
15 Ва алҳол, эй Худованд Худои мо, ки қавми Худро аз замини
Миср бо дасти қавӣ берун оварда, барои Худ, чунон ки имрӯз аст, исм
пайдо кардаӣ, — мо гуноҳ кардаем, шарирона рафтор намудаем+.
16 Худовандо! Лутфан, бар ҳасби тамоми адолати Ту, бигзор
хашми Ту ва ғазаби Ту аз шаҳри Ту Ерусалим, аз кӯҳи муқаддаси Ту
баргардад, зеро ки аз боиси гуноҳҳои мо ва маъсиятҳои падарони мо
Ерусалим ва қавми Ту дар назари ҳамаи онҳое ки дар гирду пеши мо
ҳастанд, шармсор гардидааст+.
17 Ва алҳол, эй Худои мо, дуои бандаи Худ ва тазаррӯъҳои ӯро
бишнав, ва рӯи Худро бар қудси вайронаи Худ, ба хотири Худованд,
мунаввар намо+.
18 Гӯши Худро, эй Худои ман, хам намо ва бишнав, ва чашмони
Худро бикшо ва бар вайронаҳои мо ва бар шаҳре ки ба исми Ту хонда
шудааст, бингар; зеро ки мо на ба сабаби адолати худ, балки ба
сабаби марҳаматҳои зиёди Ту тазаррӯъҳои худро пеши пои Ту
меандозем+.
19 Худовандо, бишнав! Худовандо, биомурз! Худовандо, гӯш дода,
ба амал овар! Ба хотири Худат, эй Худои ман, даранг накун, зеро ки
шаҳри Ту ва қавми Ту ба исми Ту хонда шудаанд»+.

## Ҷаброил маънои ҳафтсолаҳоро таъбир мекунад.

[20] Ва ҳанӯз ман сухан мерондам, ва дуо мегуфтам, ва гуноҳи худам
ва гуноҳи қавми ман Исроилро эътироф менамудам, ва тазаррӯи
худро пеши пои Худованд Худои ман, бар кӯҳи муқаддаси Худои ман
меандохтам, —+
[21] Ва ҳанӯз ман дар дуо сухан мерондам, он мард Ҷаброил, ки ӯро
дар рӯъёи аввал дида будам, зуд парвоз намуда, қариби вақти ҳадияи
шом ба ман расид,+
[22] Ва зеҳни маро равшан карда, гуфт: «Эй Дониёл! Алҳол берун
омадам, то туро фаҳмиш биомӯзам.
[23] Дар аввали тазаррӯъҳоят каломе баромад, ва ман омадам, ки
хабар диҳам, зеро ки ту дилхоҳ ҳастӣ; пас, ба он калом диққат намо
ва рӯъёро бифаҳм+.
[24] Ҳафтод ҳафтсола барои қавми ту ва барои шаҳри муқаддаси ту
муқаррар карда шудааст, то ки ҷиноят хотима ёбад, ва гуноҳ нест
шавад, ва маъсият кафорат шавад, ва адолати ҷовидонӣ барқарор
шавад, ва рӯъёи набӣ муҷассам гардад, ва қудси қудсҳо тадҳин карда
шавад+.
[25] Пас бидон ва бифаҳм, ки аз вақти баромадани калом дар бораи
аз нав барқарор ва бино кардани Ерусалим то вақти Масеҳи Раис
ҳафт ҳафтсола хоҳад гузашт; ва шасту ду ҳафтсола кӯчаҳо ва
хандақҳо аз нав барқарор ва бино хоҳад шуд, ва ин дар замонҳои
тангӣ хоҳад буд.
[26] Ва баъд аз шасту ду ҳафтсола Масеҳ талаф хоҳад шуд, ва нахоҳад
буд; ва қавми раиси оянда шаҳр ва қудсро хароб хоҳад кард, вале
охири ӯ зуд фаро хоҳад расид, ва то охири ҷанг вайронаҳо насиб
шудааст+.
[27] Ва ӯ аҳдро бо мардуми бисьёр як ҳафтсола мустаҳкам хоҳад
кард, ва қурбонию ҳадияро дар нисфи ин ҳафтсола барҳам хоҳад дод;
ва харобкунанда дар сояи қабоҳатҳо вуҷуд хоҳад дошт, то даме ки
ҳалокати қатъӣ ба сари харобкунанда биёяд»+.

## Рӯъёи ҷалоли Худо.

**10** [1] Дар соли сеюми Куруш, подшоҳи Форс, ба Дониёл, ки
Балтшасар ном дошт, ваҳй омад, — ваҳйе ки ҳақиқӣ буд ва
ҷанги калоне дошт; ва ӯ ваҳйро фаҳмид ва ба рӯъё сарфаҳм рафт+.
[2] Дар он айём ман, Дониёл, се ҳафта мотам доштам.
[3] Нони болаззат нахӯрдаам, ва гӯшту шароб ба даҳонам
надаромадааст, ва равғане ба баданам намолидаам, то даме ки он се
ҳафта пур шуд.
[4] Ва дар рӯзи бисту чоруми моҳи якум ман дар канори наҳри
бузурги Даҷла будам+.
[5] Ва чашмони худро боло бардошта, дидам: инак, марде ки ҷомаи
катон дар бар, ва камарбанде аз тиллои Уфоз бар камар дошт+.
[6] Ва ҷасади ӯ мисли забарҷад буд, ва чеҳрааш мисли барқи
дурахшон, ва чашмонаш мисли машъалҳои сӯзон, ва дасту пойҳояш
монанди миси сайқалдор, ва садои гуфтораш мисли ғулғулаи
селоб+.
[7] Ва танҳо ман, Дониёл, ин рӯъёро дидам, ва касоне ки бо ман
буданд, ин рӯъёро надидаанд, аммо ларзаи азиме онҳоро фаро
гирифт, ва онҳо гурехтанд, то ки пинҳон шаванд+.
[8] Ва ман танҳо мондам, ва ин рӯъёи бузургро медидам, вале
маҷолам намонд, ва ранги рӯям канда, дигаргун шуд, ва ман
тамоман беқувват гаштам.
[9] Ва садои гуфторашро шунидам; ва чун садои гуфторашро
шунидам, ман дар холати мадҳушӣ рӯйнокӣ афтода, рӯй бар замин
хобидам+.
[10] Ва инак дасте ба ман расида, маро бар зонуҳо ва кафи дастҳоям
ларзон-ларзон бархезонд+.
[11] Ва ӯ ба ман гуфт: «Эй Дониёл, марди дилписанд! Суханонеро, ки
ман ба ту мегӯям, бифаҳм, ва бар пойҳои худ биист, зеро ки алҳол
назди ту фиристода шудаам». Ва чун ин суханонро ба ман гуфт, ман
бархостам, дар ҳолате ки ларзон будам+.
[12] Ва ӯ ба ман гуфт: «Натарс, эй Дониёл, зеро аз рӯзи аввале ки
дили худро ба он ниҳодӣ, ки бифаҳмӣ ва пеши Худои худ рӯзадор
бошӣ, суханони ту мустаҷоб шуд, ва ман барои он суханони ту
омадаам+.

13 Валекин малаки салтанати Форс бисту як рӯз ба ман муқобилат
намуд, ва инак Микоил, ки яке аз малакҳои аввалин аст, ба мадади
ман расид, ва ман дар он ҷо, назди подшоҳони Форс мондам+.

14 Ва омадаам, то туро аз он чи дар айёми охир ба қавми ту воқеъ
хоҳад шуд, хабардор намоям, зеро ки боз рӯъёе барои он айём
ҳаст»+.

15 Ва чун ба ман чунин суханонро гуфт, бар рӯи худ ба замин
афтодам ва лол шудам.

16 Ва инак махлуқе ба сурати банӣ-одам ба лабҳоям даст расонд, ва
ман даҳон кушода, ба сухан даромадам, ва ба махлуқе ки пеши ман
истода буд, гуфтам: «Эй оғоям! Аз ин рӯъё банд аз бандам ҷудо шуд,
ва ман тамоман беқувват гаштаам+.

17 Пас чӣ гуна бандаи ин оғоям бо ин оғоям тавонад сухан ронад?
Ман, охир, ҳанӯз қуввате надорам, ва рамақе дар ман намондааст».

18 Ва махлуқи одаммонанд боз ба ман даст расонда, маро тақвият
намуд,

19 Ва гуфт: «Натарс, эй марди дилписанд! Салом бар ту бод!
Қавидил ва далер бош!» Ва чун инро гуфт, қувват гирифтам ва
гуфтам: «Бигӯ, эй оғоям, зеро ки ту маро тақвият намудаӣ»+.

20 Ва ӯ гуфт: «Оё ту медонӣ, барои чӣ назди ту омадаам? Алҳол
бармегардам, то ки бо малаки Форс ҷанг кунам; ва ман чун берун
равам, малаки Юнон хоҳад омад+.

21 Аммо туро аз он чи дар китоби ҳақиқат навишта шудааст,
хабардор хоҳам кард; ва касе нест, ки маро ба зидди инҳо тақвият
намояд, магар ки малаки шумо Микоил.

## Нубувватҳо дар бораи подшоҳони замони баъдина.

11 1 Ва дар соли якуми Дорьёвеши модаӣ ман низ истода будам,
то ки ӯро тақвият ва дастгирӣ намоям+.
2 Ва алҳол ҳақиқатро ба ту огоҳ менамоям: инак, боз се подшоҳ
дар Форс хоҳанд бархост, ва чорумин бо сарвати бузург аз ҳама
бартарӣ хоҳад дошт, ва чун бо давлати худ қавӣ гардад, ҳамаро ба
муқобили салтанати Юнон ба по хоҳад бархезонд+.
3 Ва подшоҳи пуриқтидоре хоҳад бархост, ва бо қуввати азиме
салтанат хоҳад ронд, ва бар тибқи иродаи худ амал хоҳад кард+.
4 Ва чун қомат рост кунад, салтанаташ шикаст хоҳад хӯрд, ва ба
чор боди осмон тақсим хоҳад шуд, вале на ба ворисони ӯ ва на
монанди ҳокимияте ки ӯ дошт; зеро ки салтанати ӯ решакан хоҳад
гардид, ва ба дигарон низ, ғайр аз инҳо, насиб хоҳад шуд.
5 Ва подшоҳи Ҷануб қавӣ хоҳад шуд, ва яке аз миронаш бар ӯ
ғолиб омада, салтанат хоҳад ронд, ва салтанаташ салтанати азиме
хоҳад буд.
6 Ва баъд аз якчанд сол онҳо ба ҳамдигар наздик хоҳанд шуд, ва
духтари подшоҳи Ҷануб назди подшоҳи Шимол хоҳад омад, то сулҳ
намояд; вале вай қуввати бозуи худро натавонад нигоҳ дошт, ва ӯ ва
бозуи ӯ низ натавонад истодагӣ кард, балки вай ва ҳамроҳонаш ва
падараш ва ёвараш дар он замон таслим карда хоҳанд шуд.
7 Ва навдае аз решаҳои вай дар ҷои ӯ хоҳад бархост, ва сӯи лашкар
омада, ба қалъаи подшоҳи Шимол дохил хоҳад шуд, ва сазои онҳоро
хоҳад дод, ва қавӣ хоҳад шуд.
8 Ва худоён ва бутҳои рехтаи онҳоро низ бо зарфҳои гаронбаҳои
нуқра ва тиллои онҳо ба Миср ба асирӣ хоҳад бурд, ва якчанд сол ӯ аз
подшоҳи Шимол болотар хоҳад истод.
9 Ва ҳарчанд вай ба мамлакати подшоҳи Ҷануб биёяд ҳам, ба
замини худ хоҳад баргашт.
10 Ва писарони вай ҷангҷӯӣ намуда ва қӯшуни сершуморе ҷамъ
карда, дохил хоҳанд шуд ва мисли селобе зер карда, убур хоҳанд
намуд, ва баргашта, то ба ҳадди қалъаи ӯ ҷанг хоҳанд кард+.
11 Ва подшоҳи Ҷануб дарғазаб хоҳад шуд, ва берун омада, бо вай,
яъне бо подшоҳи Шимол, ҷанг хоҳад кард, вале вай лашкари бузурге
барпо хоҳад намуд, ва ин лашкар ба дасти ӯ таслим хоҳад шуд+.

12 Ва ҳангоме ки ин лашкар барбод равад, дили ӯ мағрур хоҳад
шуд, ва ҳарчанд ӯ беварҳоро талаф намояд, ғолиб нахоҳад шуд.
13 Зеро ки подшоҳи Шимол баргашта, лашкари аз аввала
бузургтаре барпо хоҳад намуд, ва баъд аз муддати чандинсола бо
қӯшуни бузург ва асбобу анҷоми зиёде дохил хоҳад шуд.
14 Ва дар он замон бисьёрҳо ба зидди подшоҳи Ҷануб қиём хоҳанд
кард, ва баъзе аз осиёни қавми ту сар хоҳанд бардошт, то рӯъё ба
амал ояд, вале мағлуб хоҳанд шуд.
15 Ва подшоҳи Шимол хоҳад омад, ва сангаргоҳ барпо намуда,
шаҳри истеҳкомдорро забт хоҳад кард; ва фавҷҳои Ҷануб, ва сипоҳи
баргузидагонаш истодагӣ натавонанд кард, — ӯ қуввате барои
истодагӣ нахоҳад дошт+.
16 Ва он ки назди ӯ биёяд, бар тибқи иродам худ амал хоҳад кард,
ва касе нахоҳад буд, ки тавонад пеши вай истодагӣ намояд; вай дар
замини дилписанд ҷойгир хоҳад шуд, ва амнияти он комилан дар
дасти вай хоҳад буд+.
17 Ва рӯи худро вай ба он хоҳад нигаронид, ки ба авҷи камоли
салтанати худ бирасад, ва бо ӯ сулҳ бандад, ва духтарашро ба ӯ ба
занӣ бидиҳад, то ки ӯро ба ҳалокат бирасонад, вале ин қасд ба амал
нахоҳад омад, ва ӯ аз они вай нахоҳад шуд.
18 Ва рӯи худро вай сӯи ҷазираҳо хоҳад нигаронид, ва бисьёреро аз
онҳо забт хоҳад намуд, вале сарваре ба забти вай хотима дода, варо
нангин хоҳад кард, бе он ки вай қасоси нанги худро тавонад аз ӯ
бигирад.
19 Пас рӯи худро вай сӯи қалъаҳои замини худ хоҳад баргардонид,
валекин шикаст хоҳад хӯрд ва фурӯ ғалтида, нест хоҳад шуд+.
20 Ва бар тахти вай шахсе хоҳад бархост, ки золимеро бар хазинаи
салтанат таъин хоҳад кард, вале дар зарфи якчанд рӯз шикаст хоҳад
хӯрд, аммо на дар талоши рӯ ба рӯ ва на дар корзор.

## Рӯъёи шохи майда.

21 Ва бар тахти вай манфуре хоҳад бархост, вале шавкати
подшоҳиро ба ӯ нахоҳанд дод, ва ӯ хомӯшона омада, салтанатро бо
тамаллуқ ба даст хоҳад овард.
22 Ва фавҷҳое ки мисли селоб бошанд, аз пеши ӯ нест шуда, шикаст
хоҳанд хӯрд, ва раиси аҳду паймон низ.

23 Ва бо онҳое ки ба ӯ шарик шуда бошанд, бо фиреб рафтор хоҳад
кард, ва бо ёрии мардуми камшумор дастболо ва пурзӯр хоҳад шуд.
24 Хомӯшона ба маконҳои пурсарвати мамлакат омада, он чиро,
ки падаронаш ва падарони падаронаш накарда буданд, ба амал хоҳад
овард; тороҷ ва ғанимат ва молу мулкро ба онҳо тақсим хоҳад кард,
ва дар бораи қалъаҳо тадбирҳо хоҳад андешид, вале то расидани
фурсат.
25 Ва қуввати худро афзун карда, ба лашкари бузурге табдил хоҳад
дод, ва дили худро ба зидди подшоҳи Ҷануб хоҳад нигаронид, ва
подшоҳи Ҷануб бо лашкари бузург ва бағоят қавӣ ба ҷанг шурӯъ
хоҳад намуд, валекин истодагӣ нахоҳад кард, зеро ки ба зидди ӯ
дасисаҳо хоҳанд андешид,
26 Ва онҳое ки аз суфраи ӯ нон мехӯранд, ӯро ба шикаст дучор
хоҳанд кард, ва лашкари ӯ талаф хоҳад шуд, ва шаҳидони зиёде
хоҳанд афтод.
27 Ва ҳар ду подшоҳ дар дилҳошон ниятҳои бад хоҳанд дошт, ва
дар сари як суфра дурӯғ хоҳанд гуфт, вале дасисаи онҳо
муваффақият нахоҳад ёфт, зеро ки анҷоми ӯ то вақти муайяне ақиб
андохта хоҳад шуд.
28 Ва ӯ бо молу мулки зиёде ба замини худ хоҳад баргашт, ва
дилаш ба аҳди муқаддас зид хоҳад буд; ва инро ба амал оварда, ба
замини худ хоҳад баргашт.
29 Дар мӯҳлати муайян боз ба Ҷануб хоҳад омад, вале охираш
мисли аввалаш нахоҳад буд.
30 Ва киштиҳои Киттим ба зидди ӯ хоҳанд омад, ва ӯ ноумед
гардида, хоҳад баргашт, ва аз аҳди муқаддас дарғазаб шуда, ба зидди
он амал хоҳад кард; ва баргашта, бо онҳое ки аҳди муқаддасро тарк
кардаанд, иттифоқ хоҳад шуд.
31 Ва фавҷҳои ӯ бархоста, қудси истеҳкомро палид хоҳанд кард, ва
қурбонии доимиро ботил хоҳанд намуд, ва қабоҳати харобкунандаро
хоҳанд гузошт+.
32 Ва ӯ онҳоеро, ки ба аҳд хиёнат кардаанд, бо тамаллуқ ба худ
ҷалб хоҳад намуд; вале қавме ки Худои худро мешиносанд, қавӣ
шуда, амал хоҳанд кард.
33 Ва хирадмандони қавм бисьёреро панд хоҳанд дод, вале як
айёми муайян онҳо аз шамшер ва оташ ва асирӣ ва тороҷ азият

хоҳанд кашид;+
[34] Ва дар ин азияти худ андаке кӯмак хоҳанд ёфт, ва бисьёр касон
бо тамаллуқкорӣ ба онҳо ҳамроҳ хоҳанд шуд.
[35] Ва баъзе аз хирадмандон пешпо хоҳанд хӯрд, то ки онҳо то фаро
расидани замони охир аз гудозиш гузашта, покиза ва сафед шаванд,
зеро ки мӯҳлат ҳанӯз нарасидааст.

## Дар бораи замонҳои охир.

[36] Ва он подшоҳ бар тибқи иродаи худ амал хоҳад кард, ва худро аз
ҳар худо баландтар ва бузургтар хоҳад донист, ва дар ҳаққи Худои
худоён куфр хоҳад гуфт, ва комьёб хоҳад шуд, то даме ки ғазаб ба
анҷом расад, зеро ки он чи насиб шудааст, ба амал хоҳад омад+.
[37] Ва ӯ худои падарони худро нахоҳад шинохт, ва худои дилхоҳи
занон ва ҳеҷ як худоро писанд нахоҳад кард, зеро ки худро аз ҳама
бузургтар хоҳад донист.
[38] Вале худои истеҳкомотро бар тахти вай иззат хоҳад кард, ва ин
худоро, ки падарони ӯ намешинохтанд, бо тилло ва нуқра ва сангҳои
гаронбаҳо ва хилъатҳои фохир иззат хоҳад кард.
[39] Ва қалъаҳои мустаҳкаме ба исми худои бегона бино хоҳад кард,
ва ба онҳое ки онро ибодат намоянд, шавкати зиёде хоҳад бахшид, ва
онҳоро бар касони бисьёр ҳукмрон хоҳад сохт, ва заминро ҳамчун
музд ба онҳо тақсим хоҳад намуд.
[40] Ва баъд аз муддате подшоҳи Ҷануб бо ӯ муҳориба хоҳад кард, ва
подшоҳи Шимол бо аробаҳо ва саворон ва киштиҳои сершумор
монанди тундбоде ба вай ҳамла хоҳад овард, ва кишварҳоро мисли
селобе зер карда, аз онҳо убур хоҳад намуд.
[41] Ва ба замини дилписанд дохил хоҳад шуд, ва кишварҳои зиёде
азият хоҳанд кашид, вале инҳо аз дасти ӯ халос хоҳанд шуд: Адӯм,
Мӯоб ва сарварони банӣ-Аммӯн+.
[42] Ва дасти худро ба кишварҳо дароз хоҳад кард, ва замини Миср
раҳо нахоҳад шуд.
[43] Ва хазоини тилло ва нуқра ва ҳамаи неъматҳои гаронбаҳои
Мисрро тасарруф хоҳад намуд; ва лубиёну ҳабашиён ӯро пайравӣ
хоҳанд кард+.
[44] Валекин овозаҳо аз шарқ ва шимол ӯро ба ҳарос хоҳад андохт, ва
ӯ бо хашми азиме берун омада, бисьёреро несту нобуд хоҳад кард.

45 Ва хаймаҳои шоҳонаи худро дар миёни баҳр ва кӯҳи қудси
дилпазир барпо хоҳад намуд, вале ба заволи худ хоҳад расид, ва касе
нахоҳад буд, ки ӯро дастгирӣ намояд.

## Дар бораи айёми андӯҳи бузург.

12 [1] Ва дар он замон Микоил, ин малаки бузурге ки ба
муҳофизати писарони қавми ту истодааст, хоҳад бархост; ва
чунон замони тангӣ хоҳад буд, ки аз вақти пайдоиши халқе то ин
вақт мисли он дида нашуда бошад; ва дар он замон қавми ту, ҳамаи
онҳое ки дар дафтар навишта шуда бошанд, халосӣ хоҳанд ёфт+.
[2] Ва бисьёре аз онҳое ки дар хоки замин хобидаанд, бедор хоҳанд
шуд: баъзеҳо барои ҳаёти ҷовидонӣ, ва баъзеҳо барои наңг ва
хиҷолати ҷовидонӣ+.
[3] Ва хирадмандон мисли дурахши афлок хоҳанд дурахшид, ва
онҳое ки бисьёреро ба адолат ҳидоят намудаанд, — мисли ситорагон
хоҳанд буд то абад+.

## Рӯъёи охирини Дониёл.

[4] Аммо ту, эй Дониёл, ин суханонро пинҳон намо, ва ин китобро
то замони охир мӯҳр зан; бисьёре ҷустуҷӯ хоҳанд кард, ва дониш
афзоиш хоҳад ёфт»+.
[5] Ва ман, Дониёл, назар кардам, ва инак, ду нафари дигар
истодаанд: яке дар ин канори наҳр, дигаре дар он канори наҳр.
[6] Ва яке аз онҳо ба марди ҷомаи катон дар бар, ки болои обҳои
наҳр истода буд, гуфт: «Анҷоми ин аҷоибот кай хоҳад буд?»+
[7] Ва он марди ҷомаи катон дар барро, ки болои обҳои наҳр истода
буд, шунидам, ки дасти рост ва дасти чапи худро сӯи осмон
бардошта, ба Ҳайи Лоямут қасам хӯрд, ки то замоне ва ду замон ва
нисфи замон хоҳад буд, ва ҳамин ки пора-пора кардани қуввати
қавми муқаддас тамом шавад, ҳамаи инҳо анҷом хоҳад ёфт.
[8] Ва ман шунидам, вале нафаҳмидам, ва гуфтам: «Эй оғоям!
Фарҷоми инҳо чӣ хоҳад буд?»
[9] Ва гуфт: «Бирав, эй Дониёл, зеро ки ин суханон бояд то замони
охир пинҳон ва сарбамӯҳр бошад.
[10] Бисьёре покиза ва сафед хоҳанд шуд ва аз гудозиш хоҳанд
гузашт, вале шарирон ба шарорат машғул хоҳанд шуд, ва ҳамаи
шарирон фаҳм нахоҳанд кард; аммо хирадмандон хоҳанд фаҳмид+.
[11] Ва аз замони ботил кардани қурбонии доимӣ ва гузоштани
қабоҳати харобкунанда ҳазору дусаду навад рӯз хоҳад гузашт+.

[12] Хушо касе ки интизорӣ бикашад ва ба ҳазору сесаду сиву панҷ
рӯз бирасад!
[13] Вале ту то охири умрат амин бош, ва баъд фароғат хоҳӣ кард, ва
дар охирзамон барои гирифтани насибаи худ қиём хоҳӣ намуд»+.

---

+ 1:1 4 Подш. 24:1, Ирм. 25:1, 2 Вак. 36:5-7

+ 1:2 4 Подш. 24:13, 2 Вак. 36:10

+ 1:6 Ҳиз. 14:14, Ҳиз. 14:20

+ 1:7 4 Подш. 23:34, 4 Подш. 24:17

+ 1:8 Ҳиз. 4:13, Ҳуш. 9:3

+ 1:9 Ҳас. 39:21

+ 1:12 Рум. 14:2

+ 1:17 Ҳас. 41:12

+ 1:20 Ҳас. 41:8, Ҳас. 41:24

+ 1:21 Дон. 6:28, Дон. 10:1

+ 2:1 Ҳас. 41:8

+ 2:4 3 Подш. 1:31, Дон. 3:9, Дон. 5:10, Дон. 6:6, Дон. 6:21

+ 2:5 Эзр. 6:11, Дон. 3:29

+ 2:6 Дон. 5:7, Дон. 5:16

+ 2:9 Эст. 4:11

+ 2:12 Дон. 3:13, Дон. 3:19

+ 2:17 Дон. 1:6

+ 2:21 Айюб 12:18, Дон. 5:20

+ 2:22 Айюб 12:22, Воиз 12:14, 1 Қӯр. 4:5

+ 2:28 Ҳас. 40:8, Дон. 10:14

+ 2:30 Ҳас. 41:16

+ 2:37 Эзр. 7:12, Ҳиз. 26:7, Ваҳй 17:14

+ 2:38 Ирм. 27:6

+ 2:39 Зак. 6:1

+ 2:40 Дон. 7:7, Дон. 7:23

+ 2:44 Ҳаҷ. 2:22, Ибр. 12:28

+ 2:46 Аъм. 10:25, Аъм. 16:29, Аъм. 14:13

+ 2:47 Так. Шар. 10:17, 4 Подш. 5:15

+ 3:1 Ҳас. 11:2

+ 3:6 Ваҳй 13:15

+ 3:8 Дон. 6:12-13

+ 3:9 3 Подш. 1:31

+ 3:12 Дон. 2:49

+ 3:13 Дон. 2:12

+ 3:15 4 Подш. 18:35

+ 3:19 Дон. 2:12

+ 3:25 Иш. 43:2

+ 3:26 Аъм. 16:17

+ 3:29 Эзр. 6:11, Дон. 2:5

+ 3:31 Дон. 6:25, 1 Пет. 1:2, 2 Пет. 1:2

+ 3:33 Дон. 2:44

+ 4:2 Дон. 2:1, Дон. 7:15

+ 4:4 Дон. 2:2, Дон. 2:10-11

+ 4:5 Дон. 1:7, Ҳас. 41:38, Дон. 5:11, Дон. 5:14

+ 4:7 Дов. 9:15, Ҳиз. 31:3-7, Марқ. 4:32

+ 4:14 Ирм. 27:5

+ 4:15 Ҳас. 41:8

+ 4:16 1 Подш. 25:26, 2 Подш. 18:32

+ 4:19 Ирм. 27:6

+ 4:24 Мас. 16:6, Аъм. 8:22, 2 Тим. 2:25

+ 4:31 Дон. 2:44, Дон. 6:26

+ 4:32 Заб. 61:10, Иш. 40:17, Айюб 23:13, Иш. 14:27

+ 4:33 2 Вак. 33:13

+ 5:1 Дон. 7:1, Дон. 8:1, Ҳас. 40:20, Эст. 1:3, Эст. 2:18, Марқ. 6:21

+ 5:2 Дон. 1:2

+ 5:4 Заб. 113:12-15

+ 5:6 Наҳум 2:10

+ 5:7 Дон. 2:2, Дон. 4:6

+ 5:8 Ҳас. 41:8

+ 5:10 3 Подш. 1:31, Дон. 2:4

+ 5:11 Ҳас. 41:38, Дон. 4:5, Дон. 2:48

+ 5:12 Дон. 1:7, Дон. 4:5, Дон. 1:17

+ 5:17 4 Подш. 5:16

+ 5:20 Дон. 4:27-30

+ 5:21 Дон. 4:31

+ 5:23 Айюб 12:10, Ирм. 10:23, Аъм. 12:23, Ваҳй 16:9

+ 5:27 Айюб 31:6, Заб. 61:10

+ 5:31 Ирм. 51:11, Дон. 9:1

+ 6:3 Ҳас. 41:40, Эст. 10:3

+ 6:4 Ҳиз. 14:14

+ 6:6 3 Подш. 1:31, Дон. 2:4

+ 6:8 Эст. 1:19, Эст. 8:8

+ 6:10 Заб. 136:5-6, 3 Подш. 8:48, 2 Вак. 6:38, Заб. 118:23

+ 6:13 Дон. 3:8

+ 6:17 Мат. 27:66, Ваҳй 20:3

+ 6:21 3 Подш. 1:31, Дон. 2:4

+ 6:23 Дон. 3:25

+ 6:24 Так. Шар. 19:19, Эст. 7:9, Заб. 7:16, Мас. 11:5

+ 6:25 Дон. 3:31

+ 6:26 Дон. 4:31

+ 6:27 Дон. 3:33

+ 6:28 2 Вак. 36:22, Эзр. 1:1, Иш. 44:28, Иш. 45:1

+ 7:1 Дон. 5:1, Дон. 8:1

+ 7:2 Ирм. 49:36, Ваҳй 7:1

+ 7:3 Ваҳй 13:1-2

+ 7:6 Ваҳй 13:2

+ 7:7 Ваҳй 12:3, Ваҳй 17:3, Ваҳй 17:12

+ 7:8 Дон. 8:9, Ваҳй 9:7, Ваҳй 13:5

+ 7:9 Ваҳй 20:4, 3 Подш. 22:19, Иш. 6:1, Ваҳй 4:2, Ваҳй 1:14

+ 7:10 Так. Шар. 33:2, Ваҳй 5:11, Ваҳй 20:12

+ 7:11 Ваҳй 19:20

+ 7:13 Ҳиз. 1:26, Ваҳй 1:13, Мат. 26:64, Марқ. 14:62, Ваҳй 1:7, Ваҳй 14:14

+ 7:14 Заб. 109:1-2, Иш. 9:6, Мат. 28:18, Дон. 7:27, Уб. 1:21, Зак. 14:9, Луқ. 1:33, 1 Қӯр. 15:24, Ваҳй 11:15

+ 7:15 Дон. 4:2

+ 7:18 Мат. 25:34

+ 7:21 Дон. 8:24, Ваҳй 13:7

+ 7:23 Дон. 2:43

+ 7:27 Дон. 7:14

+ 7:28 Луқ. 2:19, Луқ. 2:51

+ 8:1 Дон. 5:1, Дон. 7:1

+ 8:2 Наҳ. 1:1, Эст. 1:2

+ 8:7 Дон. 11:11

+ 8:8 Дон. 7:3

+ 8:9 Дон. 7:8

+ 8:10 Ваҳй 12:4

+ 8:11 Хур. 29:38-42, Дон. 11:31, Дон. 12:11

+ 8:13 Дон. 12:6

+ 8:16 Дон. 9:21, Луқ. 1:19, Луқ. 1:26

+ 8:17 Ваҳй 1:17, Ҳиз. 2:1

+ 8:18 Дон. 10:9, Зак. 4:1

+ 8:19 Дон. 11:36

+ 8:21 Дон. 11:3

+ 8:24 Дон. 7:21, Ваҳй 13:7

+ 8:25 Айюб 34:20

+ 8:26 Дон. 10:14

+ 9:1 Дон. 5:31, Дон. 6:1, Дон. 11:1

+ 9:2 Ирм. 25:11, Ирм. 29:10, Зак. 1:12, Зак. 7:5

+ 9:3 Эст. 4:3

+ 9:4 Иб. 26:40, 3 Подш. 8:47, 2 Вак. 6:37, Наҳ. 9:2, Наҳ. 1:5, Наҳ. 9:32, Так. Шар. 7:9

+ 9:5 Эзр. 9:6-7, Наҳ. 1:7

+ 9:6 Наҳ. 9:34

+ 9:9 Наҳ. 9:17

+ 9:11 Так. Шар. 8:19-20, Так. Шар. 28:15

+ 9:12 Ҳиз. 5:9

+ 9:13 Иб. 26:14-45, Так. Шар. 28:15-68

+ 9:14 Наҳ. 9:33

+ 9:15 Хур. 32:11

+ 9:16 Заб. 30:2, Заб. 70:2, Заб. 43:14, Заб. 78:4, Мик. 6:16

+ 9:17 Ад. 6:25

+ 9:18 4 Подш. 19:16, Наҳ. 1:6

+ 9:19 Заб. 78:9, Луқ. 18:13, Заб. 24:10, Заб. 78:9

+ 9:20 Наҳ. 1:6

+ 9:21 Иш. 65:24, Дон. 8:16, Луқ. 1:19, Луқ. 1:26, Хур. 29:39

+ 9:23 Дон. 10:11, Дон. 10:19

+ 9:24 Наҳ. 11:1, Иш. 48:2, Мат. 4:5, Мат. 27:53

+ 9:26 Мат. 24:6-14

+ 9:27 Дон. 11:31, Дон. 12:11, Мат. 24:15, Марқ. 13:14

+ 10:1 2 Вак. 36:22, Эзр. 1:1, Иш. 44:28, Иш. 45:1, Дон. 1:7, Дон. 4:5

+ 10:4 Ҳас. 2:14

+ 10:5 Ҳиз. 9:2, Ваҳй 1:13

+ 10:6 Ҳиз. 1:14, Ҳиз. 1:16, Мат. 28:3, Ваҳй 1:14, Ваҳй 19:12, Ҳиз. 1:7, Ваҳй 1:15

+ 10:7 Аъм. 9:7

+ 10:9 Дон. 8:18, Зак. 4:1, Юҳ. 18:6, Ваҳй 1:17

+ 10:10 Ҳиз. 2:9, Ҳиз. 8:3

+ 10:11 Дон. 9:23, Дон. 10:19

+ 10:12 Дон. 9:23

+ 10:13 Дон. 10:21, Дон. 12:1, Яҳ. 1:9, Ваҳй 12:7

+ 10:14 Дон. 2:28, Дон. 8:26, Ҳаб. 2:3

+ 10:16 Иш. 6:7, Ирм. 1:9

+ 10:19 Дон. 9:23, Дон. 10:11

+ 10:20 Дон. 12:1

+ 11:1 Дон. 5:31, Дон. 6:1, Дон. 9:1

+ 11:2 Дон. 10:21

+ 11:3 Дон. 7:6, Дон. 8:5, Дон. 8:21

+ 11:10 Иш. 8:8, Иш. 30:28

+ 11:11 Дон. 8:7

+ 11:15 Ҳиз. 4:2

+ 11:16 Дон. 8:9

+ 11:19 Ҳиз. 26:21

+ 11:31 Дон. 8:11, Дон. 9:27, Мат. 24:15, Марқ. 13:14

+ 11:33 Дон. 12:3, Дон. 12:10

+ 11:36 2 Тас. 2:4, Так. Шар. 10:17, Дон. 2:47, Ваҳй 13:5, Дон. 8:19

+ 11:41 Иш. 11:14

+ 11:43 2 Вак. 12:3, Ҳиз. 30:4, Наҳум 3:9

+ 12:1 Дон. 10:13, Яҳ. 1:9, Ваҳй 12:7, Ирм. 30:7, Мат. 24:21, Марқ. 13:19, Ваҳй 16:18, Хур. 32:32, Хур. 32:33, Дон. 10:21, Ваҳй 20:12

+ 12:2 Иш. 26:19, Ҳиз. 37:12, Мат. 25:46, Юҳ. 5:28-29, Аъм. 24:15

+ 12:3 Дон. 11:33, Дон. 12:10, Мат. 13:43, Айюб 11:17, Айюб 22:28, Мас. 4:18, Иш. 60:3

+ 12:4 Иш. 8:16, Иш. 29:11, Ваҳй 5:1, Ваҳй 10:4, Ваҳй 22:10

+ 12:6 Дон. 10:5, Дон. 8:13

+ 12:10 Дон. 11:35, Ваҳй 22:11, Дон. 11:33, Дон. 12:3, Заб. 106:43, Ҳуш. 14:10

+ 12:11 Дон. 8:11, Дон. 9:27, Дон. 11:31

+ 12:13 Иш. 57:2

*КИТОБИ*

# ҲУШАИ НАБӢ


1 2 3 4 5 6 7 8 9 10

11 12 13 14

## Маъсияти Исроил ва ҷазои вай.

1 [1] Каломи Худованд, ки дар айёми Узиё, Ютом, Оҳоз ва Ҳизқиё,
подшоҳони Яҳудо, ва дар айёми Ёробъом ибни Юош, подшоҳи
Исроил, бар Ҳушаъ ибни Баэрӣ нозил шуд+.

## Никоҳи рамзӣ; таваллуд ёфтани Изреъил.

[2] Ибтидои каломи Худованд ба Ҳушаъ. Ва Худованд ба Ҳушаъ
гуфт: «Бирав, зани зинокор ва фарзандони зиноро барои худ бигир;
зеро ки ин замин дар ҳаққи Худованд хиёнат намуда, бениҳоят
саргарми зино шудааст»+.
[3] Ва ӯ рафта, духтари Диблоим — Ҷумарро гирифт, ки вай ҳомила
шуда, писаре барои ӯ зоид.
[4] Ва Худованд ба ӯ гуфт: «Насли ӯро Изреъил бихон, зеро ки пас аз
муддати каме Ман интиқоми хуни Изреъилро аз хонадони Еҳу хоҳам
гирифт ва ба подшоҳии хонадони Исроил хотима хоҳам дод;+
[5] Ва дар он рӯз чунин воқеъ хоҳад шуд, ки Ман камони Исроилро
дар водии Изреъил хоҳам шикаст»+.
[6] Ва боз вай ҳомила шуда, духтаре зоид, ва Худованд гуфт: «Номи
варо Лӯ-Руҳома* бихон, зеро ки Ман бар хонадони Исроил дигар
марҳамат нахоҳам кард ва онҳоро нахоҳам омурзид;+
[7] Валекин бар хонадони Яҳудо марҳамат хоҳам кард, ва онҳоро бо
қудрати Худованд Худои онҳо наҷот хоҳам дод, ва онҳоро ба воситаи
камон ва шамшер ва корзор ва аспон ва саворон наҷот нахоҳам
дод»+.
[8] Ва ҳангоме ки вай Лӯ-Руҳомаро аз сина ҷудо кард, ҳомила шуда,
писаре зоид.
[9] Ва Ӯ гуфт: «Номи ӯро Лӯ-Аммӣ* бихон, зеро ки шумо қавми Ман
нестед, ва Ман барои шумо нахоҳам буд.
[10] Вале шумораи банӣ-Исроил
мисли реги дарьё хоҳад буд,
ки онро на чен кардан мумкин аст ва на шумурдан;
ва чунин воқеъ хоҳад шуд,
ки ба ҷои он ки ба онҳо гуфта мешуд:
„Шумо қавми Ман нестед“,
ба онҳо гуфта хоҳад шуд:

„Писарони Худои Ҳай ҳастед“+.
11 Ва банӣ-Яҳудо ва банӣ-Исроил бо ҳам ҷамъ хоҳанд шуд,
ва як сардорро барои худ таъин намуда,
аз он замин хоҳанд баромад;
зеро ки рӯзи Изреъил бузург аст+.

## Таҷдиди ояндаи Исроил ва баракат ёфтани вай.

## Исроил барои зинокориҳои худ ҷазо ёфт.

1 Ба бародарони худ бигӯед: „Аммӣ“*,
ва ба хоҳарони худ: „Руҳома“*+.
2 Бо модари худ муҷодила кунед, муҷодила, зеро ки вай зани Ман нест, ва Ман шавҳари вай нестам,
ва бигзор вай зинои худро аз чеҳрааш
ва фаҳши худро аз миёни пистонҳояш нест кунад,+
3 Мабодо либосашро кашида, луб-луч намоям, ва мисли он ки дар рӯзи таваллудаш буд, гардонам,
ва монанди биёбоне варо валангор созам,
ва ба замини хушкидае варо табдил диҳам,
ва аз ташнагӣ варо бикушам+.
4 Ва бар фарзандони вай марҳамат нахоҳам кард, зеро ки онҳо фарзандони зино мебошанд,+
5 Зеро ки модари онҳо саргарми зино шудааст,
онҳоро ҳомила гардида, худро расво кардааст,
чунки гуфтааст: „Аз паи хушдоронам,
ки нон ва об, пашм ва катон,
равған ва машрубот ба ман медиҳанд, хоҳам рафт“.
6 Бинобар ин Ман роҳи туро бо хорҳо хоҳам баст,
ва таворае пеши вай барпо хоҳам кард,
ва ҷоддаҳои худро вай нахоҳад ёфт.
7 Ва ҳарчанд вай аз паи хушдорони худ афтад, ба онҳо нахоҳад расид,
ва ҳарчанд онҳоро ҷустуҷӯ намояд, нахоҳад ёфт,
ва хоҳад гуфт: „Рафта, назди шавҳари якуми худ бармегардам,
зеро ки дар он вақт, назар ба ҳозира, барои ман беҳтар буд“+.
8 Валекин вай намедонист, ки Ман будам,
ки ғалла ва шароб ва равғанро ба вай медодам,
ва нуқра ва тиллоро барои вай афзун мекардам,
ки Баалро аз он месохтанд+.
9 Бинобар ин Ман ғаллаи Худро дар вақташ
ва шароби худро дар мавсимаш гашта хоҳам гирифт,
ва пашм ва катони Худро,

ки урьёнии вай бо он пӯшонида шудааст,
кашида хоҳам гирифт.
10 Ва алҳол аврати варо пеши
чашми хушдоронаш ошкор хоҳам сохт,
ва касе варо аз дасти Ман раҳо нахоҳад кард+.
11 Ва ба тамоми хурсандии вай:
ба идҳо, навмоҳҳо, шанбеҳо
ва ҳамаи мавсимҳои вай хотима хоҳам дод+.
12 Ва токҳо ва дарахтони анҷири варо,
ки гуфта буд: „Инҳо музди ман аст,
ки хушдоронам ба ман додаанд“,
валангор хоҳам кард,
ва онҳоро ба ҷангал табдил хоҳам дод,
ва ҳайвоноти саҳро онҳоро хоҳанд хӯрд+.
13 Ва аз боиси айёми Баалҳо варо ҷазо хоҳам дод,
ки он вақт вай барояшон бухур месӯзонид,
ва худро бо ҳалқаҳои гӯшу бинӣ
ва бо гарданбандҳо оро медод,
ва аз паи хушдоронаш мерафт, вале Маро
фаромӯш карда буд, мегӯяд Худованд+.

## Исроил, — зани зинокор, — ислоҳ хоҳад шуд.

14 Бинобар ин, инак Ман варо мафтун намуда, ба биёбон хоҳам овард,
ва суханони дилпазир ба вай хоҳам гуфт+.
15 Ва токҳои варо аз он ҷо ба вай хоҳам дод,
ва водии Охӯрро* дарвозаи умед хоҳам гардонид;
ва дар он ҷо вай, чун дар айёми ҷавониаш
ва чун дар рӯзи баромаданаш аз замини Миср, суруд хоҳад хонд.
16 Ва дар он рӯз чунин воқеъ хоҳад шуд, мегӯяд Худованд,
ки ту Маро хоҳӣ хонд: „Ишӣ“*,
ва дигар Маро нахоҳӣ хонд: „Баалӣ“*.
17 Ва номҳои Баалҳоро аз даҳони вай дур хоҳам кард,
ва онҳо дигар бо номҳои худ зикр нахоҳанд ёфт+.
18 Ва дар он рӯз Ман барои онҳо* бо ҳайвоноти саҳро
ва мурғони ҳаво

ва ҳашароти замин аҳд хоҳам баст,
ва камон ва шамшер ва корзорро аз замин барҳам хоҳам дод,
ва онҳоро дар амният хоҳам хобонид+.
19 Ва туро то абад номзади Худ хоҳам гардонид,
ва туро бо адолат ва инсоф
ва эҳсон ва марҳамат номзади Худ хоҳам гардонид;+
20 Ва туро бо садоқат номзади Худ хоҳам гардонид,
ва ту Худовандро хоҳӣ шинохт+.
21 Ва дар он рӯз чунин воқеъ хоҳад шуд, ки Ман иҷобат хоҳам намуд, мегӯяд Худованд,
Ман осмонро иҷобат хоҳам намуд, ва он заминро иҷобат хоҳад намуд,
22 Ва замин ғалла ва шароб ва равғанро иҷобат хоҳад намуд,
ва онҳо Изреъилро иҷобат хоҳанд намуд.
23 Ва барои Худам варо дар замин зироат хоҳам кард,
ва бар Лӯ-Руҳома марҳамат хоҳам намуд,
ва ба Лӯ-Аммӣ хоҳам гуфт:
„Ту қавми Ман ҳастӣ“,
ва ӯ хоҳад гуфт: „Ту Худои ман ҳастӣ“»+.

## Муҳаббати беинтиҳои Худо шароратро мағлуб хоҳад кард.

3 1 Ва Худованд ба ман гуфт: «Бори дигар рафта, занеро, ки
маҳбубаи ёрест ва зинокорӣ мекунад, дӯст бидор, мисли он ки
Худованд банӣ-Исроилро дӯст медорад, ва ҳол он ки онҳо ба худоёни
дигар рӯ меоваранд ва кулчаҳои мавизиро дӯст медоранд».
2 Ва ман варо ба понздаҳ сиқл нуқра ва як ҳӯмер ҷав ва як летех*
ҷав барои худ харидам+.
3 Ва ба вай гуфтам: «Рӯзҳои бисьёр маро интизор шав, зино накун
ва аз они марди дигар набош, ва ман низ барои ту хоҳам буд».
4 Зеро ки банӣ-Исроил айёми зиёде бе подшоҳ ва бе сарвар, ва бе
қурбонӣ ва бе сутуни назди қурбонгоҳ, ва бе эфӯд* ва трофим*
хоҳанд буд.
5 Баъд аз он банӣ-Исроил тавба намуда, Худованд Худои худ ва
Довуд подшоҳи худро ҷустуҷӯ хоҳанд кард, ва дар айёми онир бо
тарс сӯи Худованд ва эҳсони Ӯ хоҳанд шитофт+.

## Фош кардани гуноҳҳои Исроил.

4 [1] Каломи Худовандро бишнавед, эй банӣ-Исроил!
Зеро ки Худованд бо сокинони ин замин муҷодила дорад,
чунки на ростӣ ҳаст, ва на марҳамат,
ва на шинохтани Худо бар ин замин+.
[2] Қасам хӯрдан ва қасамро шикастан, ва қатл ва дуздӣ ва зино кардан
бағоят паҳн шудааст, ва ҷараёни хун бо ҷараёни хун мепайвандад.
[3] Бинобар ин замин мотам мегирад,
ва ҳар сокини он, бо ҳайвоноти саҳро
ва мурғони ҳаво, бемаҷол мегардад,
ва моҳиёни баҳр низ нобуд мешаванд+.
[4] Аммо бигзор ҳеҷ кас муҷодила нанамояд, ва ҳеҷ кас мазаммат
накунад;
зеро ки қавми ту мисли касоне мебошанд, ки бо коҳин муҷодила
доранд.
[5] Ва ту рӯзона пешпо хоҳӣ хӯрд,
ва набӣ низ бо ту шабона пешпо хоҳад хӯрд,
ва Ман модари туро нобуд хоҳам кард.
[6] Қавми Ман аз камии дониш нобуд шудаанд; азбаски ту аз дониш
нафрат кардӣ,
Ман низ аз ту нафрат кардам, то ки дигар барои Ман каҳонат
нанамоӣ;
ва азбаски ту шариати Худои худро фаромӯш кардӣ,
Ман низ писарони туро фаромӯш хоҳам кард+.
[7] Ҳар қадар онҳо сершумор гардиданд, ҳамон қадар бештар пеши Ман
гуноҳ карданд;
пас ҷалоли онҳоро ба нанг табдил хоҳам дод.
[8] Гуноҳи қавми Ман ризқу рӯзии онҳост,
ва ҷонашон ба маъсияти онҳо иштиёқманд аст+.
[9] Ва қисмати коҳин мисли қавм хоҳад буд;
ва ӯро мувофиқи роҳҳояш ҷазо хоҳам дод,
ва подоши онҳоро бар тибқи аъмолашон хоҳам баргардонид+.
[10] Ва хоҳанд хӯрд, вале сер нахоҳанд шуд;
зино хоҳанд кард, вале афзун нахоҳанд гардид,
зеро ки риояи аҳди Худовандро тарк кардаанд+.

11 Зино ва шароб ва машрубот дилҳоро рабудааст+.

## Бутпарастии Исроил.

12 Қавми Ман ба дарахти худ савол медиҳанд, ва асояшон ба онҳо
ҷавоб мегардонад,
зеро ки рӯҳи зинокорӣ онҳоро дар иштибоҳ андохтааст,
ва онҳо дар ҳаққи Худои худ хиёнат кардаанд+.
13 Бар қуллаҳои кӯҳҳо онҳо қурбонӣ мекунанд, ва бар талҳо, зери
дарахтони булут ва сафедор ва писта,
ки сояи хуб дорад, бухур месӯзонанд;
бинобар ин духтарони шумо зино мекунанд,
ва келинҳои шумо саргарми фаҳш мешаванд+.
14 Ман духтарони шуморо, ки зино мекунанд, ва келинҳои шуморо, ки
саргарми фаҳш мешаванд, ҷазо нахоҳам дод,
зеро ки худи мардҳои онҳо бо фоҳишаҳо хилват мегузинанд,
ва бо зинокорон қурбонӣ мекунанд,
ва қавми нофаҳм гумроҳ мешаванд+.
15 Агар ту, эй Исроил, зино мекунӣ,
бигзор Яҳудо гуноҳкор нашавад;
ва шумо ба Ҷилҷол наравед,
ва ба Байт-Овин набароед,
ва ба ҳаёти Худованд қасам ёд накунед+.
16 Зеро ки Исроил мисли гови саркаш қиём намудааст;
оё ҳоло Худованд онҳоро
мисли гӯсфанде дар чарогоҳи васеъ хоҳад чаронид?
17 Эфроим ба бутҳо часпидааст;
ӯро ба ҳоли худ вогузор!
18 Вақте ки шаробнӯшии онҳо ба анҷом расад,
онҳо саргарми зино мешаванд;
сарварони онҳо расвоиро бисьёр дӯст медоранд.
19 Бод онҳоро бо болҳояш фаро хоҳад гирифт,
ва онҳо аз қурбониҳои худ хиҷил хоҳанд шуд+.

## Худованд таҳдид менамояд, ки ғазаби Худро бар ҳар ду мамлакат фурӯ резад.

1 Инро бишнавед, эй коҳинон,
ва диққат диҳед, эй хонадони Исроил,
ва гӯш андозед, эй хонадони подшоҳ,
зеро ки доварӣ бар шумост,
чунки шумо доме барои Мисфо будед,
ва тӯре ки бар Тобӯр паҳн карда шуда буд+.
2 Ва гумроҳон чоҳро чуқур канданд,
вале Ман ҳамаашонро ҷазо хоҳам дод+.
3 Ман Эфроимро мешиносам, ва Исроил аз Ман ниҳон нест;
зеро ки ҳоло ту, эй Эфроим, саргарми зино шудаӣ,
ва Исроил палид гардидааст.
4 Кирдорҳошон намегузорад,
ки онҳо сӯи Худои худ руҷӯъ намоянд,
зеро ки рӯҳи зинокорӣ андаруни онҳост,
ва онҳо Худовандро намешиносанд+.
5 Ва ифтихори Исроил пеши назари Ӯ сарпаст шудааст,
ва Исроил ва Эфроим дар гуноҳи худ пешпо мехӯранд,
Яҳудо низ бо онҳо пешпо хоҳад хӯрд+.
6 Бо гӯсфандон ва говони худ
ба ҷустуҷӯи Худованд хоҳанд омад, вале Ӯро нахоҳанд ёфт:
Ӯ аз онҳо дур шудааст+.
7 Онҳо дар ҳаққи Худованд хиёнат кардаанд, чунки фарзандони бегона ба дуньё овардаанд; алҳол онҳоро бо молу мулкашон дар зарфи як моҳ фурӯ хоҳад бурд.
8 Дар Ҷабъа шох навозед, дар Ромо — карнай;
дар Байт-Овин бонг занед:
«Дар ақиби туст, эй Биньёмин!»+
9 Эфроим дар рӯзи ҷазо валангор хоҳад шуд; дар миёни сибтҳои Исроил Ман ба таври яқин эълон намудам.
10 Сарварони Исроил монанди дуркунандагони ҳудуд мебошанд:
ғазаби Худро бар онҳо мисли об фурӯ хоҳам рехт+.
11 Эфроим мазлум гардида, дар доварӣ шикаст хӯрдааст,
зеро хост, ки амри беҳударо пайравӣ намояд.

12 Ва Ман мисли куя барои Эфроим
ва мисли фасод барои хонадони Яҳудо шудаам.
13 Ва Эфроим бемории худро,
ва Яҳудо ҷароҳати худро дид,
ва Эфроим назди Ашшур рафт,
ва назди подшоҳ Ёриб* кас фиристод,
вале вай наметавонад шуморо шифо диҳад,
ва ҷароҳати шуморо муолиҷа намояд+.
14 Зеро ки Ман мисли шер барои Эфроим
ва мисли шербача барои хонадони Яҳудо хоҳам буд;
Ман, Ман медарам ва меравам,
бардошта мебарам, ва халоскунандае нахоҳад буд+.
15 Ман рафта, ба макони Худ бармегардам,
то даме ки онҳо ба гуноҳи худ иқрор шаванд, ва толиби рӯи Ман гарданд;
дар тангии худ онҳо бо зудӣ ба Ман рӯ хоҳанд овард+.

## Ғазаби Худо ба тавба кардан водор менамояд.

1 «Биёед, сӯи Худованд руҷӯъ намоем,
зеро ки Ӯ даридааст, ва моро шифо хоҳад бахшид,
Ӯ зарба задааст, ва моро ҷароҳатбандӣ хоҳад кард;+
2 Баъд аз ду рӯз моро зинда хоҳад кард;
дар рӯзи сеюм моро ба по хоҳад бархезонид,
ва мо дар ҳузури Ӯ зиндагӣ хоҳем кард;+
3 Ва Худовандро хоҳем шинохт ва барои шинохтани Ӯ ҷидду ҷаҳд хоҳем кард;
зуҳури Ӯ мисли шафақи субҳ аст,
ва Ӯ назди мо мисли борон, мисли борони охири баҳор,
ки заминро сероб мекунад, хоҳад омад».
4 Бо ту чӣ кунам, эй Эфроим?
Бо ту чӣ кунам, эй Яҳудо?
Тақвои шумо, охир, мисли абри субҳ
ва мисли шабнамест, ки бо зудӣ ғоиб мешавад+.
5 Бинобар ин Ман онҳоро ба воситаи анбиё зарба задам,
бо суханони даҳони Худ онҳоро куштам,
ва доварӣ дар ҳаққи ту мисли нур равшан хоҳад шуд+.
6 Зеро ки Ман марҳаматро хоҳон ҳастам ва на забҳро,
ва шинохтани Худоро бештар аз қурбониҳои сӯхтанӣ+.
7 Валекин онҳо, мисли Одам, аҳдро шикастанд: дар он ҷо ба Ман хиёнат карданд.
8 Ҷилъод, шаҳри бадкирдорон,
хунолуд аст+.
9 Ва чунон ки дастаи роҳзанон дар сари роҳи касе камин мегирад,
ончунон гурӯҳи коҳинон дар роҳи Шакем одамкушӣ мекунанд,
зеро ки қасди бади худро ба амал меоваранд+.
10 Дар хонадони Исроил Ман корҳои зиштро дидаам;
дар он ҷо Эфроим саргарми зино шудааст, Исроил палид гардидааст.
11 Барои ту низ, эй Яҳудо, дарав насиб шудааст, ҳангоме ки Ман асирони қавми Худро баргардонам+.

## Худованд ба Исроил эълон менамояд, ки варо ҷазо дар пеш аст.

1 Чун Исроилро шифо доданӣ шавам,
гуноҳи Эфроим ва бадкориҳои Сомария ошкор хоҳад гардид,
зеро ки рафторашон козибона аст;
ва дуздон медароянд,
ва дастаи роҳзанон дар берун ҳуҷум мекунанд.
2 Ва дар дили худ намегӯянд,
ки Ман тамоми шарорати онҳоро дар хотир нигоҳ доштаам;
алҳол корҳои бадашон онҳоро иҳота намудааст, онҳо ба ҳузури Ман ошкор аст.
3 Бо шарорати худ онҳо подшоҳро,
ва бо суханони козибонаи худ сарваронро хурсанд мекунанд.
4 Ҳамаи онҳо саргарми зино мебошанд,
мисли танӯре ки нонпаз онро оташ медиҳад,
ва аз вақти хамир кардан
то вақти расидани он аз оташ додан бозмеистад.
5 Дар «рӯзи подшоҳи мо» сарварон аз гармии шароб бемор шуданд,
ва ӯ дасти худро ба ин масхарабозон дароз кард.
6 Зеро ки онҳо дар камингарии худ дили
худро монанди танӯр мегардонанд:
тамоми шаб нонпазашон мехобад,
бомдодон вай мисли оташи аланганок дармегирад.
7 Ҳамаи онҳо мисли танӯр тафсида,
доварони худро фурӯ мебаранд;
ҳамаи подшоҳони онҳо фурӯ меғалтанд,
ва дар миёни онҳо касе нест, ки Маро бихонад+.
8 Эфроим бо қавмҳо аралаш шуда рафтааст;
Эфроим ноне гардидааст, ки рӯи дигараш ба оташ баргардонида нашудааст+.
9 Бегонаҳо қуввати ӯро хӯрдаанд, ва ӯ намедонад;
мӯйсараш низ сафед шудааст, ва ӯ намедонад+.
10 Ва ифтихори Исроил пеши назари ӯ сарпаст шудааст,
вале онҳо бо ин ҳама сӯи Худованд Худои худ руҷӯъ намекунанд

ва Ӯро толиб намешаванд+.
11 Ва Эфроим мисли кабӯтари соддадили нофаҳме гардидааст:
Мисрро мехонанд, сӯи Ашшур меравbooanд+.
12 Ҳангоме ки онҳо меравand, Ман тӯри Худро бар онҳо хоҳам андохт,
мисли мурғони ҳаво онҳоро фурӯд хоҳам овард; чунон ки ба
ҷамоаташон шунавонидаам, онҳоро азият хоҳам дод+.
13 Вой бар ҳоли онҳо, зеро ки аз Ман дур шуданд;
хонавайронӣ бар онҳо бод, зеро ки дар ҳаққи Ман ҷиноят карданд.
Ва оё мумкин аст, ки Ман онҳоро раҳо кунам?
Ва ҳол он ки онҳо бар зидди Ман суханони дурӯғ гуфтанд!
14 Ва онҳо бо дили худ сӯи Ман истиғоса набурданд,
ҳангоме ки бар бистарҳои худ фиғон мекашиданд;
барои ғалла ва шароб ҷамъ шуда,
бар зидди Ман исьён мекунанд+.
15 Ва Ман онҳоро адаб омӯхта, бозуҳошонро тақвият додам,
вале онҳо дар ҳаққи Ман андешаҳои бад карданд.
16 Онҳо руҷӯъ намоянд ҳам, на ба сӯи Худои Таолост;
онҳо мисли камони ҳилагар мебошанд;
сарваронашон аз боиси забони густохонаи худ ба дами шамшер
хоҳанд афтод;
ба ин сабаб онҳо дар замини Миср хандахариш хоҳанд шуд+.

## Душманон Исроилро барои бутпарастӣ таъқиб мекунанд.

1 Шохро ба даҳонат бигир!
Вай мисли уқоб бар хонаи Худованд ҳуҷум хоҳад кард,
зеро ки онҳо аҳди Маро шикастанд,
ва бар зидди шариати Ман ҷиноят карданд+.
2 Онҳо сӯи Ман истиғоса хоҳанд бурд:
«Эй Худои ман! Мо, Исроил, Туро мешиносем»+.
3 Исроил некиро тарк кардааст,
пас душман варо таъқиб хоҳад кард.
4 Онҳо подшоҳонро таъин карданд, вале на аз ҷониби Ман;
сарваронро таъин карданд, вале бе розигии Ман;
аз нуқра ва тиллои худ бутҳо барои худ сохтанд,
то ки ба ҳалокат дучор шаванд+.
5 Гӯсолаи ту вожгун шудааст, эй Сомария!
Ғазаби Ман бар онҳо аланга гирифтааст; то ба кай онҳо наметавонанд пок шаванд+?
6 Зеро ки он аз Исроил аст,
ва ҳунарманде онро сохтааст, ва он — худо нест;
зеро ки гӯсолаи Сомария шикаста, пора-пора хоҳад шуд.
7 Азбаски онҳо бодро коштанд,
бинобар ин тундбодро хоҳанд даравид;
онро ҳосиле нест: хӯшаҳояш орд нахоҳад дод,
агар диҳад ҳам, бегонаҳо онро хоҳанд хӯрд+.
8 Исроил фурӯ бурда шудааст;
алҳол онҳо дар миёни халқҳо
мисли зарфи нодаркоре мебошанд+.
9 Зеро ки онҳо мисли гӯрхари танҳое назди Ашшур рафтаанд;
Эфроим ба воситаи тӯҳфаҳо ошиқонро пайдо кардааст+.
10 Гарчанде ки ба халқҳо тӯҳфа медиҳанд,
алҳол Ман онҳоро ҷамъ хоҳам кард,
ва дере нагузашта аз юғи
подшоҳи сарварон ба ларза хоҳанд омад.
11 Зеро ки Эфроим қурбонгоҳҳои бисьёре барои кафорати гуноҳ сохт, —
ин қурбонгоҳҳо барои ӯ сабаби гуноҳ гардид.

12 Муҳимтарин аҳкоми шариати Худро барои ӯ навиштам,
дар назараш чизи бегонае ба шумор рафт.
13 Дар хусуси қурбониҳои сӯхтании Ман бошад, беҳтар аст, ки забҳ
карда, гӯшташро бихӯранд: Худованд онро хоҳон нест.
Бинобар ин Ӯ гуноҳи онҳоро ба ёд хоҳад овард ва барои маъсияташон
ҷазо хоҳад дод:
онҳо ба Миср хоҳанд баргашт+.
14 Ва Исроил Холиқи худро фаромӯш карда, қасрҳо бино намудааст,
ва Яҳудо бисьёр шаҳрҳои ҳисордор сохтааст;
валекин Ман ба шаҳрҳои вай оташ хоҳам фиристод,
то ки кӯшкҳои варо бисӯзонад+.

## Шодиҳо тамом шудааст; вақти подош фаро расидааст.

[1] Эй Исроил, мисли қавмҳо то ба дараҷаи ваҷд шодӣ накун,
зеро ки ту зино намуда аз Худои худ дур шудӣ:
болои ҳар хирман музди зиноро дӯст доштӣ+.
[2] Хирман ва чархушт онҳоро ғизо нахоҳад дод,
ва шаробе ки дар он ҳаст, дилхуш нахоҳад кард.
[3] Дар замини Худованд сокин нахоҳанд шуд:
Эфроим ба Миср хоҳад баргашт,
ва дар Ашшур онҳо хӯроки палид хоҳанд хӯрд+.
[4] Барои Худованд шароб нахоҳанд рехт,
Ва қурбониҳошон писандидаи Ӯ нахоҳад буд, балки барои худашон мисли нони мотамдорон хоҳад буд:
ҳар кӣ аз онҳо бихӯрад, палид хоҳад шуд, зеро ки нони онҳо барои шикамсерии худашон мебошад,
ба хонаи Худованд он дохил нахоҳад шуд+.
[5] Пас шумо дар рӯзи мавсим
ва дар рӯзи иди Худованд чӣ хоҳед кард?
[6] Зеро ки инак, онҳо ба сабаби хонавайронӣ рафтаанд;
Миср онҳоро ҷамъ хоҳад овард, Муф онҳоро қабр хоҳад кард;
ганҷинаҳои нуқраи онҳоро газна пахш хоҳад кард,
дар хаймаҳои онҳо мушхор хоҳад рӯид.
[7] Айёми ҷазо наздик меояд,
айёми подош фаро мерасад, —
Исроил хоҳанд донист, ки оё набӣ беақл буд ва оё соҳиби рӯҳ девона буд, — ба сабаби гуноҳи бисьёр ва адовати бузурги ту+.
[8] Дидбони Эфроим аз ҷониби Худои ман набӣ буд,
ки дар сари ҳамаи роҳҳояш доми сайёд ниҳода шуд,
ва адоват дар хонаи Худои ӯ ҳукмфармост+.
[9] Онҳо, мисли айёми Ҷабъа,
ба умқи бадкирдорӣ расидаанд;
Ӯ гуноҳи онҳоро ба ёд хоҳад овард,
барои маъсияташон ҷазо хоҳад дод+.
[10] Исроилро мисли ангуре дар биёбон пайдо кардам;
падарони шуморо мисли навбари анҷир дар ибтидои он дидам;
лекин онҳо ба Баал-Фаӯр омаданд, ва саргарми расвоӣ шуданд,

ва монанди маъшуқаҳошон нафратангез гардиданд+.
11 Ҷалоли Эфроим мисли мурғе парида хоҳад рафт:
зоидан, ҳомиладорӣ ва бордоршавӣ нахоҳад буд.
12 Ҳатто агар фарзандони худро калон кунанд ҳам,
онҳоро нобуд хоҳам кард, ба тавре ки одаме боқӣ нахоҳад монд;
зеро ки вой бар ҳоли онҳо, вақте ки аз онҳо низ дур шавам.
13 Эфроим, вақте ки дидам,
мисли Сӯр дар мавзеи зебое ҷойгир шудааст;
вале Эфроим писаронашро барои қотил берун хоҳад овард+.
14 Худовандо, ба онҳо ҳар чи медиҳӣ, бидеҳ:
раҳими бачапарто ва пистонҳои хушк ба онҳо бидеҳ.
15 Тамоми шарорати онҳо дар Ҷилҷол аст,
ки дар он ҷо Ман аз онҳо
барои кирдорҳои бадашон нафрат намудаам;
аз хонаи Худ онҳоро бадар хоҳам ронд;
онҳоро дигар дӯст нахоҳам дошт;
ҳамаи сарварони онҳо фитнагар мебошанд+.
16 Эфроим шикаст хӯрдааст; решаи онҳо хушк шудааст, —
онҳо мева нахоҳанд дод; ҳатто агар зоянд ҳам,
самари марғуби батни онҳоро хоҳам кушт.
17 Худои ман онҳоро тарк хоҳад кард, чунки Ӯро нашниданд;
пас дар миёни халқҳо овора хоҳанд шуд+.

## Бе адолат наҷот нест.

0

1 Исроил токи сершохаест,
ки меваи ба худаш муносибе меоварад;
ба андозаи фаровонии меваи худ қурбонгоҳҳои зиёде сохтааст;
баробари афзудани нозу неъмати заминаш сутунҳоро хубтар зебу зинат додаанд+.
2 Дили онҳо пур аз тамаллуқ аст,
акнун гирифтори ҷазо хоҳанд шуд:
Ӯ қурбонгоҳҳои онҳоро вайрон,
ва сутунҳои онҳоро вожгун хоҳад кард.
3 Зеро ки онҳо алҳол мегӯянд: «Мо подшоҳ надорем,
чунки мо аз Худованд натарсидем,
ва ин подшоҳ чӣ метавонад ба мо бикунад?»
4 Сухан мегӯянд, қасамҳои дурӯғ ёд мекунанд, аҳд мебанданд;
ва доварӣ мисли гиёҳи захрдор бар огардҳои саҳро гул мекунад.
5 Аз боиси гӯсолаи Байт-Овин
сокинони Сомария ба ҳарос хоҳанд афтод,
зеро ки қавмаш барои он мотам мегиранд,
ва коҳинонаш барои ҷалоли он,
ки аз он гирифта шудааст, ба ларза меоянд+.
6 Худи он низ ба Ашшур ҳамчун ҳадия
ба подшоҳ бурда хоҳад шуд;
Эфроим хиҷолат хоҳад кашид,
ва Исроил аз дасисаҳояш шарманда хоҳад гардид.
7 Сомария ва подшоҳаш
мисли кафке бар рӯи об нест хоҳанд шуд.
8 Ва баландиҳои Овин — ҷои гуноҳи Исроил — маҳв хоҳанд шуд;
хору хас бар қурбонгоҳҳои онҳо хоҳад рӯид,
ва онҳо ба кӯҳҳо хоҳанд гуфт:
«Моро бипӯшонед», ва ба талҳо: «Бар мо биафтед»+.
9 Аз айёми Ҷабъа гуноҳ кардаӣ, эй Исроил;
дар он ҷо онҳо истодагӣ карданд:
ҷанг дар Ҷабъа ба муқобили ноинсофон ба онҳо нарасид+.
10 Бар тибқи иштиёқи Худ онҳоро ҷазо хоҳам дод,
ва қавмҳо ба муқобили онҳо ҷамъ хоҳанд омад,

ва онҳоро ба ду ҳалқаи юғ хоҳанд баст.
11 Ва Эфроим ғуноҷини омӯхташудаест, ки хирманкӯбиро дӯст медорад,
ва Ман юғро бар гардани зебои вай баста, бар Эфроим низ гузоштам,
то ки Яҳудо шудгор кунад, ва Яъқуб барои худ мола намояд+.
12 Барои худ аз рӯи инсоф кишт кунед,
ва бар тибқи марҳамат дарав намоед;
киштзорро барои худ шудгор кунед,
ва он гоҳ вақти он аст, ки Худовандро толиб шавед,
то ки Ӯ омада, борони адолат бар шумо биборонад+.
13 Аммо шумо шароратро кишт кардед, ноинсофиро дарав намудед,
меваи кизбро хӯрдед;
зеро ки ту ба роҳи худ, ба анбӯҳи баҳодурони худ таваккал намудӣ+.
14 Ва ошӯбе дар миёни қавми ту хоҳад бархост,
ва ҳамаи қалъаҳоят валангор хоҳад шуд,
мисли он ки Шалмон Байт-Арбилро дар рӯзи ҷанг валангор кардааст;
модар бо фарзандонаш кушта пора-пора карда шудааст+.
15 Байт-Ил, ба сабаби шарорати бузурги шумо,
ба шумо ҳамин тавр амал хоҳад кард;
дар вақти шафақи субҳ подшоҳи Исроил ба ҳалокат хоҳад расид.

## Дар бораи марҳамати бузурги Худо.

1 [1] Вақте ки Исроил навҷавоне буд, Ман ӯро дӯст доштам;
ва писари Худро аз Миср даъват намудам+.
[2] Ҳар қадар бештар онҳоро даъват мекарданд,
ҳамон қадар бештар аз пеши онҳо дур мерафтанд:
барои Баалҳо қурбонӣ мекарданд,
ва барои санамҳо бухур месӯзониданд.
[3] Ва ҳол он ки Ман Эфроимро ба по хезонида ба роҳравӣ одат кунондам,
бар бозуҳоям ӯро бардоштам,
вале онҳо надонистанд, ки Ман онҳоро шифо додаам+.
[4] Бо риштаҳои инсонӣ, бо танобҳои муҳаббат онҳоро пеш кашидам;
ва барояшон мисли касоне будам, ки юғро аз ҷоғашон боло мебардоранд;
ва навозишкорона ба вай хӯрок медодам+.
[5] Ба замини Миср нахоҳад баргашт, вале Ашшур подшоҳи ӯст;
зеро ки онҳо нахостанд руҷӯъ намоянд.
[6] Ва шамшер дар шаҳрҳояш чарх зад.
ва деҳоти варо маҳв кард,
ва онҳоро ба сабаби дасисаҳошон фурӯ бурд.
[7] Ва қавми Ман ҳанӯз моиланд, ки ба Ман осӣ шаванд;
ва ҳангоме ки онҳоро ба сӯи Худои Таоло даъват менамоянд,
онҳо бо якҷоягӣ баланд намешаванд.
[8] Чӣ гуна туро таслим кунам, эй Эфроим?
Чӣ гуна туро бисупорам, эй Исроил?
Чӣ гуна туро мисли Адмо таслим кунам,
мисли Сабӯим вожгун созам?
Дили Ман андаруни Ман вайрон шудааст,
риққатҳои Ман якбора ба ҷӯш омадааст.
[9] Бар ҳасби оташи ғазаби Худ амал нахоҳам кард,
ба маҳв кардани Эфроим шурӯъ нахоҳам намуд;
зеро ки Ман Худо ҳастам ва на одамизод;
дар миёни ту Қуддус ҳастам;
ва дар авҷи ғазаб назди ту нахоҳам омад+.
[10] Худовандро онҳо пайравӣ хоҳанд кард;

Ӯ мисли шер наъра хоҳад зад;
вақте ки Ӯ наъра занад,
фарзандон аз он тарафи баҳр хоҳанд шитофт+.
11 Мисли мурғон аз Миср,
ва мисли кабӯтарон аз замини Ашшур хоҳанд шитофт;
ва онҳоро дар хонаҳошон ҷойгир хоҳам намуд, мегӯяд Худованд+.
12 Маро Эфроим бо кизб,
ва Исроил бо макр иҳота кардааст;
ва Яҳудо ҳанӯз бо Худо,
бо Қуддуси амин саркашӣ мекунад.

## Яъқуби сарқабила ба қавми худ намунаи ибрати ҳаётро нишон додааст.

2 [1] Эфроим бод мепаймояд
ва аз паи боди шарқӣ медавад,
тамоми рӯз кизб ва ситамро афзун мекунад;
ва онҳо бо Ашшур аҳд мебанданд,
ва равған ба Миср бурда мешавад+.
[2] Ва Худованд бо Яҳудо низ талош хоҳад кард,
ва Яъқубро бар тибқи роҳҳояш ба ҷазо мустаҳиқ хоҳад кард:
ба ӯ мувофиқи аъмолаш подош хоҳад дод.
[3] Дар шиками модар ӯ пошнаи бародари худро қапид;
ва дар авҷи қувваташ бо Худо гӯштин гирифт+.
[4] Ва ӯ бо фаришта гӯштин гирифта, ғолиб омад;
ӯ гириста, пеши Худо тазаррӯъ намуд;
дар Байт-Ил низ Худо ӯро ёфт,
ва дар он ҷо бо ӯ гуфтугӯ кард+.
[5] Ва Худованд Худои лашкарҳост:
Худованд исми Ӯст+.
[6] «Ту низ сӯи Худои худ руҷӯъ намо,
марҳамат ва инсофро риоят бикун,
ва ҳамеша ба Худои худ таваккал намо»+.
[7] Вай савдогарест, ки дар дасташ тарозуи макр мебошад,
ва ситамро дӯст медорад+.
[8] Вале Эфроим мегӯяд: «Дуруст аст, ки ман сарватдор шудаам,
барои худ молу мулк пайдо кардаам;
дар тамоми дороии ман ноинсофие ки гуноҳ бошад,
назди ман нахоҳанд ёфт»+.
[9] Валекин Ман Худованд Худои ту аз замини Миср ҳастам;
боз туро мисли айёми ид дар хаймаҳо ҷойгир хоҳам кард.
[10] Ва Ман ба анбиё сухан рондам,
ва рӯъёҳоро афзун кардам,
ва ба воситаи анбиё масалҳоро ба кор бурдам.
[11] Модоме ки Ҷилъод пур аз ҷафо гардидааст,
пас инҳо бар абас будааст;
дар Ҷилҷол онҳо говҳоро қурбонӣ мекарданд,

ва қурбонгоҳҳои онҳо мисли сангтӯдаҳои
назди огардҳои саҳро буд+.
12 Ва Яъқуб ба саҳрои Арам гурехт,
ва Исроил барои зан хизмат кард,
ва барои зан чӯпонӣ намуд+.
13 Ва Худованд ба воситаи набӣ Исроилро аз Миср берун овард,
ва ба воситаи набӣ ӯро нигаҳбонӣ намуд+.
14 Эфроим хашми бағоят сахте ба вуҷуд овард, пас Худовандаш хуни варо бар вай боқӣ хоҳад гузошт,
ва нанги варо ба вай хоҳад баргардонид+.

## Дар бораи ҳалокатоварии гуноҳ ва халосӣ ёфтан аз мамот.

3 1 Вақте ки Эфроим сухан меронд, ҳама меларзиданд;
ӯ дар Исроил сарбаланд буд;
валекин аз боиси Баал гуноҳкор шуд, ва ба ҳалокат расид+.
2 Ва алҳол онҳо гуноҳҳои худро афзун мекунанд,
ва аз нуқраи худ барои худ бутҳо
ва санамҳоро мувофиқи фаҳмиши худ сохтаанд,
ки ҳамааш амали санъаткорон аст;
дар бораи онҳо мегӯянд: «Одамоне ки қурбонӣ мекунанд, гӯсолаҳоро мебӯсанд»+.
3 Бинобар ин онҳо мисли абри субҳ хоҳад буд,
ва мисли шабнаме ки зуд нест мешавад,
ва мисли коҳе ки бод аз хирман мебарад,
ва мисли дуде ки аз дудбаро баромада пароканда мегардад+.
4 Валекин Ман Худованд Худои ту аз замини Миср ҳастам,
ва ту ғайр аз Ман худои дигарро нашинохтаӣ,
ва ғайр аз Ман наҷотдиҳандае нест+.
5 Ман туро дар биёбон,
дар замини аз офтоб сӯхтае шинохтам+.
6 Онҳо ба хубӣ чарида, сер шуданд;
ва чун сер шуданд, дилашон мағрур гардид,
ва ба ин сабаб Маро фаромӯш карданд+.
7 Пас Ман барояшон мисли шер хоҳам буд, мисли паланг дар сари роҳашон камин хоҳам гирифт+.
8 Мисли хирсе ки аз бачаҳояш маҳрум шуда бошад,
ба онҳо ҳамла хоҳам кард, ва сандуқи синаи онҳоро хоҳам дарид,
ва мисли шер онҳоро дар он ҷо хоҳам хӯрд;
ҳайвоноти саҳро онҳоро хоҳанд дарид+.
9 Худро ба ҳалокат расондаӣ, эй Исроил,
зеро ки такьягоҳи ту фақат дар Ман аст.
10 Пас куҷост подшоҳи ту,
то ки туро дар тамоми шаҳрҳоят наҷот диҳад,
ва доварони ту, ки дар бораи онҳо гуфта будӣ:
«Подшоҳ ва сарварон ба ман бидеҳ»+?
11 Дар хашми худ подшоҳе ба ту додам,

ва дар ғазаби Худ ӯро гирифтам+.
12 Гуноҳи Эфроим гиреҳ баста шудааст,
маъсияти ӯ маҳфуз мондааст.
13 Азоби зане ки мезояд, ба сари ӯ хоҳад омад; ӯ писари бохирад нест,
вагар на дар вақти таваллуди тифлон бисьёр даранг намекард+.
14 Оё Ман онҳоро аз дӯзах раҳо хоҳам кард?
Ва онҳоро аз марг халосӣ хоҳам дод?
Вабоҳоят куҷост, эй марг?
Тоунҳоят куҷост, эй дӯзах?
Пушаймонӣ аз чашмони Ман ниҳон шудааст+.
15 Агарчи ӯ дар миёни найзор мева медод,
боди шарқӣ хоҳад вазид,
яъне боди Худованд аз биёбон баланд хоҳад шуд, —
ва манбаи ӯ хоҳад хушкид,
ва сарчашмаи ӯ валангор хоҳад гардид;
вай ганҷинаи тамоми асбоби гаронбаҳоро тороҷ хоҳад кард+.

## Ба Худо руҷӯъ кардани Исроил ва дар оянда ба бузургӣ расидани вай.

4 [1] Сомария маҳкум хоҳад шуд,
зеро ки ба муқобили Худои худ қиём кардааст:
онҳо ба дами шамшер хоҳанд афтод.
тифлҳошон ба сахра зада кушта хоҳанд шуд,
ва ҳомиладоронашон шикамчок хоҳанд гардид+.
[2] Эй Исроил, сӯи Худованд Худои худ руҷӯъ намо,
зеро ки ба сабаби гуноҳи худ пешпо хӯрдаӣ+.
[3] Сухани тавбаро бо худ гирифта, сӯи Худованд руҷӯъ намоед;
ба Ӯ бигӯед: «Ҳамаи гуноҳҳоро биомурз,
ва он чи некӯст, қабул намо;
ва мо, ба ҷои говҳо,
тазаррӯи лабони худро қурбонӣ мекунем+.
[4] Ашшур моро наҷот нахоҳад дод;
бар аспон савор нахоҳем шуд,
ва дигар ба амали дастҳои худ „худоҳои мо“ нахоҳем гуфт,
зеро ки ятим фақат дар Ту марҳамат хоҳад ёфт»+.
[5] Муртадии онҳоро шифо хоҳам дод,
аз рӯи марҳамат онҳоро дӯст хоҳам дошт,
зеро ки ғазаби Ман аз онҳо дур шудааст.
[6] Барои Исроил мисли шабнам хоҳам буд;
вай мисли савсан гул хоҳад кард,
ва мисли арзи Лубнон решаҳои худро хоҳад давонид+.
[7] Навдаҳояш вусъат ёфта,
зебоии вай мисли дарахти зайтун,
ва накҳати вай мисли ҷангали Лубнон хоҳад шуд.
[8] Онҳое ки зери сояи вай сокин буданд, баргашта,
гандумзорро аз нав зинда хоҳанд кард,
ва худашон мисли ток гул-гул хоҳанд шукуфт,
ва таърифашон мисли бӯи шароби Лубнон паҳн хоҳад шуд.
[9] Эфроим хоҳад гуфт: «Маро дигар бо бутҳо чӣ кор аст?» —
Ман ӯро иҷобат намуда, ба ӯ назари нек хоҳам кард;
Ман барояш мисли сарви сабзу хуррам хоҳам буд:
меваи ту аз Ман ёфт хоҳад шуд.

10 Касе ки ҳаким аст, бигзор ин чизҳоро фаҳм кунад,
касе ки оқил аст, бигзор онҳоро дарк намояд,
зеро ки роҳҳои Худованд дуруст аст,
ва одилон дар онҳо қадамгузор мебошанд,
валекин гуноҳкорон дар онҳо пешпо мехӯранд+.

---

* 1:6 **Лӯ-Руҳома** — Марҳаматнопазир.

* 1:9 **Лӯ-Аммӣ** — На-Қавми-Ман.

* 2:1 **Аммӣ** — Қавми-Ман.

* 2:1 **Руҳома** — Марҳаматпазир.

* 2:15 **Охӯр** — андӯҳ.

* 2:16 **Ишӣ** — шавҳари ман.

* 2:16 **Баалӣ** — оғои ман.

* 2:18 Банӣ-Исроил дар назар дошта шудаанд.

* 3:2 **Летех** — андозаи вазни ғалладона, ки ба нисфи ҳӯмер ё кӯр, яъне ба дусад литр баробар буд.

* 3:4 **Эфӯд** — пӯшоки саркоҳин.

* 3:4 **Трофим** — бутҳои қадимӣ, ки парастишкунандагонашон ба онҳо савол дода, ояндаро мепурсиданд.

* 5:13 **Подшоҳ Ёриб** — подшоҳи Ашшур дар назар дошта шудааст.

---

+ 1:1 4 Подш. 14:23, 4 Подш. 15:1, 4 Подш. 16:1, 4 Подш. 18:1, Иш. 1:1, Ом. 1:1, Мик. 1:1

+ 1:2 Ҳуш. 2:4, Ҳиз. 16:15

+ 1:4 4 Подш. 10:11

+ 1:5 Еҳ. 17:16, Дов. 6:33

+ 1:6 1 Пет. 2:10

+ 1:7 1 Подш. 17:47, Зак. 4:6

+ 1:10 Ҳас. 22:17, Иш. 62:4, Рум. 9:26

+ 1:11 Иш. 11:13, Ирм. 3:18, Ирм. 50:4, Ҳиз. 37:19

+ 2:1 Ҳуш. 1:6, Ҳуш. 1:9

+ 2:2 Иш. 50:1

+ 2:3 Ҳиз. 16:39

+ 2:4 Ҳуш. 1:6, Ҳуш. 1:2

+ 2:7 Иш. 54:5, Ирм. 3:14

+ 2:8 Ҳиз. 16:19

+ 2:10 Нав. 1:8, Ҳиз. 16:37, Ҳиз. 23:29

+ 2:11 Ад. 28:9-15, Иш. 24:8, Ирм. 7:34, Ирм. 16:9, Ом. 8:10

+ 2:12 Ҳуш. 9:1, Мик. 1:7

+ 2:13 3 Подш. 16:31-32, Ҳуш. 11:2, Ҳиз. 23:40

+ 2:14 Ҳиз. 20:35, Иш. 40:2

+ 2:17 Хур. 23:13, Зак. 13:2

+ 2:18 Иш. 54:10, Ҳиз. 34:25, Ҳиз. 37:26, Иш. 2:4, Ҳиз. 39:9, Мик. 4:3

+ 2:19 2 Қӯр. 11:2

+ 2:20 Ирм. 31:34

+ 2:23 Ҳуш. 1:10, Ҳуш. 1:6, 1 Пет. 2:10, Ҳуш. 1:9, Рум. 9:25

+ 3:2 Иб. 27:16

+ 3:5 Ирм. 50:4, Ирм. 23:5, Ирм. 33:15, Ҳиз. 34:23

+ 4:1 Иш. 3:14, Мик. 6:2

+ 4:3 Иш. 24:4, Ирм. 4:28, Юил 1:10, Юил 1:18, Саф. 1:3

+ 4:6 Мас. 10:21, Иш. 5:13

+ 4:8 Иб. 10:17

+ 4:9 Иш. 24:2

+ 4:10 Иб. 26:26, Мик. 6:14, Ҳач. 1:6

+ 4:11 Мас. 20:1

+ 4:12 Дов. 18:5, Ҳуш. 5:4

+ 4:13 Ҳиз. 6:13

+ 4:14 Так. Шар. 23:17

+ 4:15 Ҳуш. 9:15, Ҳуш. 12:11, Ом. 4:4, Ом. 5:5

+ 4:19 Ирм. 4:11-12, Ирм. 51:1, Ҳуш. 13:15

+ 5:1 Дов. 4:6

+ 5:2 Ад. 25:2

+ 5:4 Иш. 59:2, Ҳуш. 4:12

+ 5:5 Ҳуш. 7:10

+ 5:6 Иш. 1:11, Ҳуш. 6:6

+ 5:8 Ирм. 4:5, Ҳуш. 8:1, Ҳуш. 9:9, Ҳуш. 4:15, Ҳуш. 10:5, Юил 2:1, Ом. 3:6

+ 5:10 Так. Шар. 19:14

+ 5:13 4 Подш. 15:19, Ҳуш. 7:11, Ҳуш. 8:9, Ҳуш. 12:1, Мик. 1:9, Наҳум 3:19

+ 5:14 Ҳуш. 13:7

+ 5:15 Иб. 26:40-42

+ 6:1 Так. Шар. 30:1-10, 1 Подш. 7:3, 3 Подш. 8:48, Юил 2:12, Так. Шар. 32:39, Айюб 5:18, Заб. 102:3, Заб. 146:3, Ирм. 30:17

+ 6:2 Заб. 70:20

+ 6:4 Ҳуш. 13:3

+ 6:5 Ирм. 23:29, 3 Подш. 19:17

+ 6:6 Мат. 9:13, Мат. 12:7

+ 6:8 Ҳуш. 12:11

+ 6:9 Ех. 24:1

+ 6:11 Юил 3:13

+ 7:7 4 Подш. 15:10, 4 Подш. 15:14, 4 Подш. 15:25, 4 Подш. 15:30

+ 7:8 Заб. 105:35

+ 7:9 Иш. 42:25

+ 7:10 Ҳуш. 5:5

+ 7:11 4 Подш. 17:3-4, Ҳуш. 5:13

+ 7:12 Ҳиз. 12:13

+ 7:14 Заб. 77:36-37

+ 7:16 Заб. 77:57

+ 8:1 Ирм. 4:5, Ҳуш. 5:8, Так. Шар. 28:49

+ 8:2 Мат. 7:21-23

+ 8:4 3 Подш. 12:20, Ҳуш. 7:7

+ 8:5 3 Подш. 12:28, Ҳуш. 10:5, Ҳуш. 13:2

+ 8:7 Ҳуш. 10:13

+ 8:8 4 Подш. 17:6

+ 8:9 Ҳуш. 5:13, Ҳуш. 7:11, Ирм. 2:24, Ҳиз. 16:33-34

+ 8:13 Ирм. 7:21, Ирм. 14:10, Так. Шар. 28:68

+ 8:14 Так. Шар. 32:18, Иш. 17:10, Ирм. 3:21, Ирм. 17:27, Ом. 2:5

+ 9:1 Ҳуш. 2:5

+ 9:3 Так. Шар. 28:68, Ҳуш. 8:13, Ҳиз. 4:13, Дон. 1:8

+ 9:4 Так. Шар. 26:14, Ад. 19:11-22

+ 9:7 4 Подш. 9:11, Ирм. 29:26

+ 9:8 Ҳиз. 3:17, Ҳиз. 33:7

+ 9:9 Дов. 19:22, Ҳуш. 10:9, Ирм. 14:10, Ҳуш. 8:13

+ 9:10 Заб. 79:9, Иш. 5:1, Мат. 21:33, Ад. 25:1-5, Заб. 105:28

+ 9:13 Ҳуш. 14:1

+ 9:15 Ҳуш. 4:15, Ҳуш. 12:11, Ом. 4:4, Ом. 5:5

+ 9:17 Так. Шар. 28:64-65

+ 10:1 Заб. 79:9, Иш. 5:1, Мат. 21:33

+ 10:5 3 Подш. 12:28, Ҳуш. 4:15, Ҳуш. 8:5, Ҳуш. 13:2

+ 10:8 Луқ. 23:30, Ваҳй 6:16

+ 10:9 Дов. 19:22, Ҳуш. 9:9

+ 10:11 Ирм. 46:20

+ 10:12 Мас. 11:19, Ғал. 6:8, Ирм. 4:3

+ 10:13 Ҳуш. 8:7

+ 10:14 4 Подш. 17:3-4, Иш. 13:16

+ 11:1 Так. Шар. 7:8, Хур. 4:22, Ирм. 31:9, Мал. 1:6, Мат. 2:15

+ 11:3 Хур. 15:26

+ 11:4 Юҳ. 6:44, Юҳ. 12:32, Хур. 16:14-31

+ 11:9 Ад. 23:19, Иш. 12:6

+ 11:10 Иш. 31:4, Иш. 11:11, Мик. 7:12, Зак. 8:7

+ 11:11 Иш. 60:8, Зак. 10:10

+ 12:1 Иш. 44:20, Ҳуш. 5:13

+ 12:3 Ҳас. 32:24-32

+ 12:4 Ҳас. 28:12, Ҳас. 28:19, Ҳас. 35:9, Ҳас. 35:15

+ 12:5 Хур. 3:15

+ 12:6 Мик. 6:8

+ 12:7 Ом. 8:5, Мик. 6:11

+ 12:8 Зак. 11:5, Ваҳй 3:17

+ 12:11 Ҳуш. 6:8, Ҳуш. 4:15, Ом. 4:4, Ом. 5:5

+ 12:12 Ҳас. 28:5, Ҳас. 29:20

+ 12:13 Хур. 12:50-51, Заб. 76:21

+ 12:14 4 Подш. 17:17

+ 13:1 Ҳуш. 11:2

+ 13:2 3 Подш. 12:28, Ҳуш. 8:5, Ҳуш. 10:5

+ 13:3 Ҳуш. 6:4, Заб. 1:4, Заб. 36:20

+ 13:4 Хур. 20:3, Иш. 43:11, Иш. 45:21

+ 13:5 Так. Шар. 8:15, Так. Шар. 32:10

+ 13:6 Так. Шар. 8:12-14, Так. Шар. 31:20, Заб. 77:11, Заб. 105:21, Мас. 30:9

+ 13:7 Ирм. 5:6, Ҳуш. 5:14

+ 13:8 2 Подш. 17:8, Мас. 17:12, Нав. 3:10

+ 13:10 1 Подш. 8:5, 1 Подш. 8:19

+ 13:11 1 Подш. 8:22, 1 Подш. 15:23

+ 13:13 4 Подш. 19:3

+ 13:14 Заб. 48:16, Иш. 25:8, Иш. 26:19, Ҳиз. 37:12, Ҳиз. 9:10, 1 Қӯр. 15:55

+ 13:15 Ирм. 4:12, Ирм. 51:1, Ҳиз. 19:12, Ҳуш. 4:19

+ 14:1 4 Подш. 18:12, 4 Подш. 8:12, Ҳуш. 9:13, Ом. 1:13

+ 14:2 Ҳуш. 6:1, Ҳуш. 12:6

+ 14:3 Ибр. 13:15

+ 14:4 Ҳуш. 5:13, Заб. 9:35

+ 14:6 Иш. 27:6

+ 14:10 Заб. 106:43, Дон. 12:10

*КИТОБИ*

# ЮИЛИ НАБӢ

[1] [2] [3]

## Ҳашарот мамлакатро валангор мекунад.

1 [1] Каломи Худованд, ки бар Юил ибни Фатуил нозил шуд.
[2] Инро бишнавед, эй пирон,
ва гӯш андозед, эй ҳамаи сокинони замин!
Оё дар айёми шумо ва ё дар айёми падаронатон чизе мисли ин рӯй додааст?
[3] Дар бораи он ба писарони худ ҳикоят кунед,
ва писарони шумо — ба писарони худашон,
ва писарони онҳо — ба насли дигар+.
[4] Он чи аз гозом* боқӣ монда буд, малах хӯрд,
ва он чи аз малах боқӣ монда буд, елак* хӯрд,
ва он чи аз елак боқӣ монда буд, ҳасил* хӯрд+.
[5] Бедор шавед, эй мастон, ва гирья кунед,
ва фиғон кашед, эй ҳамаи майнӯшон,
дар бораи шираи ангур,
ки аз даҳонатон кашида гирифта шудааст!+
[6] Зеро ки халқи зӯровар ва бешуморе
ба замини ман ҳуҷум карданд;
дандонҳои онҳо дандонҳои шер аст,
ва дандонҳои осиёи онҳо — аз они модашер+.
[7] Токи маро валангор,
ва анҷири маро нобуд карданд;
пӯсти онро тамоман канда партофтанд;
шохаҳои он сафед шудааст.
[8] Мисли дӯшизае ки барои шавҳари ҷавонии
худ палос пӯшида бошад, навҳа намо.
[9] Ҳадияи ордӣ ва ҳадияи рехтанӣ
аз хонаи Худованд барҳам хӯрдааст;
коҳинони хизматгузори Худованд мотам гирифтаанд.
[10] Саҳро тороҷ гардидааст,
замин мотам гирифтааст,
зеро ки гандум талаф шудааст,
шираи ангур хушкидааст,
зайтун пажмурда шудааст+.
[11] Зироаткорон ошуфта гардидаанд,

токдорон навҳа карданд дар бораи гандум ва ҷав,
зеро ки ҳосили саҳро нобуд шудааст+.
12 Ток хушкидааст,
ва анҷир пажмурда шудааст;
анор ва хурмо ва себ,
ҳамаи дарахтони саҳро хушкидааст,
зеро ки шодмонӣ аз банӣ-одам ғоиб гардидааст+.
13 Палос пӯшида гирья кунед, эй коҳинон,
навҳа намоед, эй хизматгузорони қурбонгоҳ,
омада дар палос шабро гузаронед,
эй хизматгузорони Худои ман!
Зеро ки ҳадияи ордӣ ва ҳадияи рехтанӣ
аз хонаи Худои шумо барҳам хӯрдааст+.
14 Рӯза эълон кунед,
маҷлис даъват намоед,
пирон ва ҳамаи сокинони ин заминро
ба хонаи Худованд Худои худ ҷамъ оваред,
ва сӯи Худованд истиғоса баред+.

## Валангор шудани мамлакат — тимсоли рӯзи Худованд.

15 Вой бар он рӯз!
Зеро ки рӯзи Худованд наздик аст,
ва мисли таҳлукае аз ҷониби Қодир хоҳад омад+.
16 Оё озуқа дар пеши назари мо маҳв нашуд,
ва шодию хурсандӣ — аз хонаи Худои мо+?
17 Донаҳо дар таҳти кулӯхҳо пӯсид,
махзанҳо холӣ ва анборҳо хароб гардид,
зеро ки гандум нобуд шудааст.
18 Чорпоён чӣ гуна фарьёд мезананд,
ва рамаҳои говон чӣ гуна бетоқатӣ мекунанд,
зеро ки чарогоҳе барояшон нест;
рамаҳои гӯсфандон низ ба ҳоли табоҳ афтодаанд.
19 Сӯи Ту, эй Худованд, мехонам,
зеро ки оташ чарогоҳҳоро сӯзонидааст,
ва аланга ҳамаи дарахтони саҳроро фурӯ бурдааст+.
20 Чорпоёни саҳро низ сӯи Ту нола мекунанд,

зеро ки ҷӯйҳои об хушкидааст,
ва оташ чарогоҳҳоро сӯзонидааст+.

## Таҷовузи душманон аз шимол.

1 Дар Сион шох навозед,
ва дар кӯҳи муқаддаси Ман гулбонг занед,
то ки ҳамаи сокинони ин замин ба ларза оянд,
чунки рӯзи Худованд меояд,
зеро ки наздик аст, —+
2 Рӯзи торикӣ ва зулмот,
рӯзи абр ва меғ,
мисли шафақи субҳ,
ки бар кӯҳҳо паҳн шуда бошад:
қавми сершумор ва зӯровар,
ки мисли онҳо аз азал набуд,
ва баъд аз онҳо то абад нахоҳад буд+.
3 Пеш аз онҳо оташ месӯзонад,
ва баъд аз онҳо аланга фурӯ мебарад;
пеш аз онҳо боғи Адан аст,
ва баъд аз онҳо — биёбони хароба;
ва назди онҳо чизе боқӣ намемонад+.
4 Намуди онҳо мисли намуди аспон аст,
ва онҳо мисли саворaҳо метозанд+.
5 Мисли гулдур-гулдури аробаҳо бар қуллаи кӯҳҳо мерақсанд,
мисли чарс-чарси алангаи оташе ки коҳро месӯзонад,
мисли қавми зӯроваре ки барои ҷанг саф кашида бошанд.
6 Аз дидори онҳо қавмҳо ба ларза меоянд;
ранги ҳамаи рӯйҳо мепарад+.
7 Мисли паҳлавонон тохт меоваранд,
мисли мардони ҷангӣ ба ҳисор мебароянд,
ва ҳар яке бо роҳҳои худ равона мешаванд,
ва ҷоддаҳои худро тағьир намедиҳанд+.
8 Ва якдигарро фишор намедиҳанд,
ҳар яке бо роҳи худ равона мешаванд,
ва бар найзаҳо меафтанд,
лекин осебе намебинанд.
9 Ба шаҳр ҳамла мекунанд,
ба ҳисор тохт меоваранд,

ба хонаҳо мебароянд,
аз тирезаҳо мисли дузд дохил мешаванд+.
10 Пеш аз омаданашон замин ба ларза меояд,
осмон ба ҳаяҷон меафтад,
офтоб ва моҳ тира мешаванд,
ва ситорагон дурахшонии худро гум мекунанд+.
11 Ва Худованд овози Худро пеши лашкари Худ баланд мекунад,
зеро ки ӯрдугоҳи Ӯ бағоят азим аст,
зеро ки иҷрокунандаи каломи Ӯ пуриқтидор аст;
зеро ки рӯзи Худованд бузург ва бағоят саҳмгин аст;
ва кист, ки ба он тоб оварда тавонад+?

## Онҳое ки дар мамлакат боқӣ мондаанд, ба тавба даъват карда мешаванд.

12 Вале алҳол низ Худованд мегӯяд:
«Бо тамоми дили худ, бо рӯза ва гирья ва навҳа
сӯи Ман руҷӯъ намоед,+
13 Ва дилҳои худро чок кунед ва на либосҳои худро».
Ва сӯи Худованд Худои худ руҷӯъ намоед;
зеро ки Ӯ карим ва раҳим,
собир ва пур аз эҳсон аст,
ва аз бадӣ пушаймон мешавад+.
14 Эҳтимол дорад, ки Ӯ боз пушаймон шавад,
ва пас аз он баракате боқӣ бигузорад,
яъне ҳадияи ордӣ ва ҳадияи рехтанӣ
барои Худованд Худои шумо+.
15 Дар Сион шох навозед,
рӯза эълон кунед, маҷлис даъват намоед+.
16 Қавмро ҷамъ кунед, ҷамоатро даъват намоед,
пиронро фароҳам оваред, кӯдакон ва ширмаконро ҷамъ кунед;
бигзор домод аз хуҷраи худ,
ва арӯс аз чимилиқи худ берун ояд+.
17 Бигзор коҳинон, хизматгузорони Худованд,
дар миёни равоқ, ва қурбонгоҳ
гирья кунанд ва бигӯянд:

«Бар қавми Худ, эй Худованд, шафқат намо,
ва мероси Худро ба нанг насупор,
мабодо онҳо мавриди истеҳзои халқҳо гарданд;
чаро дар миёни халқҳо бигӯянд,
ки Худои онҳо куҷост?»+

## Худованд ваъда медиҳад, ки аз мусибатҳо озод кунад.

18 Ва он гоҳ рашки Худованд барои замини Ӯ хоҳад омад,
ва Ӯ бар қавми Худ шафқат хоҳад кард+.
19 Ва Худованд иҷобат намуда, ба қавми Худ хоҳад гуфт:
«Инак, Ман ба шумо гандум ва шираи ангур
ва равғани зайтун мефиристам,
то ки аз он сер шавед;
ва дигар шуморо дар миёни халқҳо нангин нахоҳам кард.
20 Ва душманеро, ки аз шимол омадааст,
аз шумо дур карда, ба замини хушк ва хароба хоҳам ронд:
сафҳои пеши он рӯ ба баҳри шарқӣ,
ва сафҳои охири он рӯ ба баҳри ғарбӣ хоҳад буд,
ва бӯи бади он хоҳад баромад,
ва тааффуни он баланд хоҳад шуд,
зеро ки бисьёр бадӣ кардааст+.
21 Натарс, эй замин, шодӣ ва хурсандӣ намо,
зеро ки Худованд бисьёр некӣ кардааст+.
22 Натарсед, эй чорпоёни саҳро,
зеро ки чарогоҳҳо месабзад,
дарахт меваи худро меоварад,
анҷир ва ток қуввати худро нишон медиҳанд+.
23 Ва шумо, эй писарони Сион,
дар Худованд Худои худ хурсандӣ ва шодӣ кунед,
зеро ки Ӯ борони аввалинро ба шумо ба қадри даркорӣ медиҳад,
ва борони аввалин ва охиринро барои шумо мисли пештара
меборонад+.
24 Ва хирманҳо аз ғалла пур хоҳад шуд,
ва чархуштҳо аз шираи ангур ва равғани зайтун лабрез хоҳад гардид.

25 Ва барои солҳое ки малах,
елеқ ва ҳасил ва гозом, яъне ӯрдуи азими Ман,
ки бар шумо фиристода будам, хӯрдааст,
ба шумо подош хоҳам дод+.
26 Ва шумо хӯроки фаровон хӯрда, сер хоҳед шуд,
ва исми Худованд Худои худро,
ки барои шумо корҳои аҷоиб кардааст,
мадҳ хоҳед гуфт,
ва қавми Ман то абад хиҷил нахоҳанд шуд.

27 •Ва хоҳед донист, ки Ман андаруни Исроил мебошам,
ва Ман Худованд Худои шумо ҳастам,
ва дигаре нест,
ва қавми Ман то абад хиҷил нахоҳанд шуд+.

## Ваъдаи Рӯҳулқудс ва аломатҳои омадани дуюм.

28 Ва баъд аз он чунин воқеъ хоҳад шуд,
ки Ман Рӯҳи Худро бар тамоми башар хоҳам рехт,
ва писарони шумо ва духтарони шумо нубуввat хоҳанд намуд;
пирони шумо хобҳо хоҳанд дид,
ҷавонони шумо рӯъёҳо хоҳанд дид+.
29 Ва дар он айём бар ғуломон
ва канизони шумо низ Рӯҳи Худро хоҳам рехт.
30 Ва дар осмон ва замин аломот зоҳир хоҳам кард:
хун ва оташ ва сутунҳои дуд+.
31 Офтоб ба торикӣ
ва моҳ ба хун табдил хоҳад ёфт,
пеш аз он ки рӯзи азим ва саҳмгини Худованд фаро расад+.
32 Ва чунин воқеъ хоҳад шуд,
ки ҳар кӣ исми Худовандро бихонад,
наҷот хоҳад ёфт,
зеро ки дар кӯҳи Сион ва дар Ерусалим,
чунон ки Худованд гуфтааст,
наҷотьёфтагон хоҳанд буд,
ва дар миёни боқимондагон касоне ки Худованд онҳоро хондааст+.

## Аз нав барқарор кардани Исроил ва доварӣ дар водии Еҳӯшофот.

[1] Зеро ки инак, дар он айём ва дар он замон,
ҳангоме ки асирони Яҳудо ва Ерусалимро баргардонида бошам,+
[2] Ман ҳамаи халқҳоро ҷамъ карда,
ба водии Еҳӯшофот хоҳам овард,
ва дар он ҷо бар онҳо
барои қавми Худ ва мероси Худ — Исроил доварӣ хоҳам намуд,
ки варо онҳо дар миёни халқҳо пароканда сохта,
замини Маро тақсим кардаанд,+
[3] Ва бар қавми Ман қуръа партофтаанд,
ва писареро дар ивази фоҳиша додаанд,
ва духтареро дар ивази шароб фурӯхтаанд,
то ки бинӯшанд+.
[4] Ва шумо низ, эй Сӯр ва Сидӯн ва ҳамаи ноҳияҳои Фалиштӣ, дар
ҳаққи Ман чиҳо кардед? Оё шумо мехоҳед Маро ба ҷазо мустаҳиқ
намоед? Ва агар шумо Маро ба ҷазо мустаҳиқ намоед, Ман бо осонӣ
ва ба зудӣ ҷазои шуморо ба саратон хоҳам баргардонид+.
[5] Азбаски шумо нуқра ва тиллои Маро гирифтед, ва беҳтарин
колои гаронбаҳои Маро ба қасрҳои худ даровардед,+
[6] Ва писарони Яҳудо ва писарони Ерусалимро ба писарони
юнониён фурӯхтед, то ки онҳоро аз ҳудудашон дур кунед, —
[7] Инак, Ман онҳоро аз маконе ки онҳоро ба он ҷо фурӯхтед, хоҳам
бархезонид, ва ҷазои шуморо ба саратон хоҳам баргардонид,
[8] Ва писарону духтарони шуморо ба дасти писарони Яҳудо хоҳам
фурӯхт, то ки онҳоро ба шабоиён, ба халқи дурдасте бифрӯшанд, зеро
ки Худованд гуфтааст+.
[9] Инро дар миёни халқҳо эълон кунед,
омодаи ҷанг шавед, паҳлавононро бархезонед;
бигзор ҳамаи мардони ҷангӣ бархоста, наздик оянд.
[10] Позаҳои худро барои шамшерҳо,
ва досколаҳои худро барои найзаҳо бишканед;
бигзор камқувват гӯяд: „Ман паҳлавон ҳастам“+.
[11] Шитоб намоед ва биёед, эй ҳамаи халқҳои гирду атроф, ва ҷамъ
шавед;

паҳлавонони Худро, эй Худованд, ба он ҷо фурӯд овар.
12 Бигзор халқҳо бархоста, ба водии Еҳӯшофот биёянд,
зеро ки Ман дар он ҷо хоҳам нишаст,
то ки бар ҳамаи халқҳои гирду атроф доварӣ намоям+.
13 Досро ба кор андозед, зеро ки ҳосил расидааст; биёед,
пахш кунед, зеро ки ангурдон пур шудааст,
чархуштҳо лабрез гардидааст, зеро ки шарорати онҳо азим аст+.
14 Издиҳомҳо, издиҳомҳо дар водии доварӣ;
зеро ки рӯзи Худованд дар водии доварӣ наздик аст+.
15 Офтоб ва моҳ тира мешаванд,
ва ситорагон дурахшонии худро гум мекунанд+.
16 Ва Худованд аз Сион наъра мезанад,
ва аз Ерусалим овози Худро мебарорад,
ва осмону замин ба ларза меоянд;
вале Худованд паноҳгоҳ барои қавми Худ,
ва истеҳком барои банӣ-Исроил хоҳад буд+.

## Яҳудо то абад маскун хоҳад шуд.

17 Ва хоҳед донист, ки Ман Худованд Худои шумо ҳастам,
ки дар кӯҳи муқаддаси Худ — Сион сукунат дорам;
ва Ерусалим муқаддас хоҳад буд,
ва бегонагон дигар аз он гузар нахоҳанд кард+.
18 Ва дар он рӯз чунин воқеъ хоҳад шуд,
ки аз кӯҳҳо оби ангур хоҳад чакид,
ва бар талҳо шир ҷорӣ хоҳад шуд,
ва ҳамаи рӯдхонаҳои Яҳудо пуроб хоҳанд гардид,
ва чашмае аз хонаи Худованд берун омада,
водии Шиттимро сероб хоҳад кард+.
19 Миср вайрона хоҳад шуд,
ва Адӯм ба биёбони хароба табдил хоҳад ёфт,
аз боиси зулме ки дар ҳаққи банӣ-Яҳудо карданд,
яъне хуни бегуноҳонро дар замини онҳо рехтанд+.
20 Валекин Яҳудо то абад маскун хоҳад шуд,
ва Ерусалим — то абадуддаҳр+.
21 Ва Ман интиқоми хуни онҳоро, ки ҳанӯз нагирифтаам, хоҳам
гирифт,

ва Худованд дар Сион сукунат хоҳад дошт»+.

---

* 1:4 **гозом; елеқ; ҳасил** — номҳои кирмаки малах дар давраҳои гуногуни тараққӣ карда ба малахи калон табдил ёфтани он.

---

+ 1:3 Так. Шар. 4:9, Заб. 77:4

+ 1:4 Так. Шар. 28:38, Так. Шар. 28:42

+ 1:5 Иш. 24:11

+ 1:6 Ваҳй 9:8

+ 1:10 Иш. 24:4, Ирм. 4:28, Ҳуш. 4:3, Иш. 24:7

+ 1:11 Ирм. 14:4

+ 1:12 Иш. 24:11

+ 1:13 Ирм. 4:8, Юил 1:9, Юил 2:14

+ 1:14 Юил 2:15-16

+ 1:15 Иш. 13:6, Уб. 1:15, Саф. 1:7

+ 1:16 Так. Шар. 12:6-7

+ 1:19 Ирм. 9:10

+ 1:20 Заб. 103:21

+ 2:1 Ҳуш. 5:8, Ом. 3:6

+ 2:2 Ом. 5:18, Ом. 5:20, Саф. 1:15, Юил 1:6

+ 2:3 Юил 1:19, Ҳас. 2:8

+ 2:4 Ваҳй 9:7, Ваҳй 9:9

+ 2:6 Наҳум 2:10

+ 2:7 Мас. 30:27

+ 2:9 Иш. 33:4

+ 2:10 Юил 3:15, Ваҳй 8:12

+ 2:11 Мал. 3:2, Ваҳй 6:17

+ 2:12 Так. Шар. 30:1-10, 1 Подш. 7:3, 3 Подш. 8:48, Иш. 55:7, Ирм. 4:1, Ҳуш. 6:1, Ҳуш. 12:6

+ 2:13 Хур. 34:6

+ 2:14 2 Подш. 12:22, Ом. 7:3, Ом. 7:6, Юн. 1:6, Юн. 3:9, Юил 1:9, Юил 1:13

+ 2:15 Юил 2:1, Ад. 10:3

+ 2:16 Юил 1:14

+ 2:17 3 Подш. 6:3, Ҳиз. 8:16, Заб. 41:4, Заб. 78:10, Заб. 113:10, Мик. 7:10

+ 2:18 Зак. 1:14, Зак. 8:2

+ 2:20 Зак. 14:8, Иш. 34:3

+ 2:21 Заб. 125:2-3

+ 2:22 Юил 1:18

+ 2:23 Ҳаб. 3:18, Зак. 10:7, Иб. 26:4, Так. Шар. 11:14, Ирм. 5:24

+ 2:25 Юил 1:4

● 2:27 *Аъм. 2:17-21*

+ 2:27 Хур. 20:2, Ҳиз. 39:18

+ 2:28 Иш. 32:15, Иш. 44:3, Ҳиз. 39:29

+ 2:30 Мат. 24:30, Луқ. 21:11, Ваҳй 8:7

+ 2:31 Иш. 13:10, Ҳиз. 32:7-8, Ваҳй 6:12

+ 2:32 Рум. 10:13, Уб. 1:17

+ 3:1 Ирм. 30:3

+ 3:2 Саф. 3:8, Зак. 14:2, Иш. 66:16

+ 3:3 Уб. 1:11, Наҳум 3:10

+ 3:4 Иш. 23:1, Ирм. 47:4, Ҳиз. 28:21, Ом. 1:9

+ 3:5 2 Вак. 21:16-17

+ 3:8 3 Подш. 10:1, 2 Вак. 9:1

+ 3:10 Иш. 2:4, Мик. 4:3

+ 3:12 Заб. 95:13, Заб. 97:9, Заб. 109:6, Иш. 2:4, Иш. 3:13, Мат. 25:32

+ 3:13 Ҳуш. 6:11, Мат. 13:39, Марқ. 4:29, Ваҳй 14:15, Ваҳй 14:19, Ваҳй 19:15

+ 3:14 Юил 1:15

+ 3:15 Юил 2:10

+ 3:16 Ирм. 25:30, Ом. 1:2, Иш. 25:4

+ 3:17 Иш. 52:1, Наҳум 1:15

+ 3:18 Ом. 9:13, Иш. 30:25, Ҳиз. 47:1, Зак. 14:8, Ад. 25:1

+ 3:19 Иш. 19:1, Ҳиз. 29:2, Иш. 34:5, Ирм. 49:10, Ҳиз. 35:3, Ом. 1:11, Уб. 1:10, Мал. 1:3

+ 3:20 Ҳиз. 37:25

+ 3:21 Иш. 4:4, Ҳиз. 36:25

*КИТОБИ*

# ОМӮСИ НАБӢ

1 2 3 4 5 6 7 8 9

## Доварӣ бар халқҳои ҳамсоя.

1 1 Суханони Омӯс, ки аз чӯпонони Тақӯо буд, ва дар айёми Узиё,
подшоҳи Яҳудо, ва дар айёми Ёробъом ибни Юош, подшоҳи
Исроил, ду сол пеш аз заминҷунбӣ, онҳоро дар бораи Исроил дар
рӯъё дид+.
2 Ва гуфт:
Худованд аз Сион наъра мезанад,
ва аз Ерусалим овози Худро мешунавонад,
ва чарогоҳҳои чӯпонон мотам мегиранд,
ва қуллаи Кармил хушк мешавад+.
3 Худованд чунин мегӯяд:
«Барои се ҷинояти Димишқ,
ва барои чор ҷинояташ
ғазабамро аз он нахоҳам баргардонид,
чунки Ҷилъодро бо ғаллакӯбакҳои оҳанин кӯфтанд+.
4 Ва оташе ба хонадони Ҳазоил хоҳам фиристод,
ва қасрҳои Бин-Ҳададро фурӯ хоҳад бурд+.
5 Ва ғалақаи Димишқро хоҳам шикаст,
ва сокинонро аз водии Овин,
ва дорандаи чӯбдасти салтанатро аз Байт-Адан маҳв хоҳам кард,
ва қавми Арам ба Қир ба асирӣ хоҳанд рафт», мегӯяд Худованд+.
6 Худованд чунин мегӯяд:
«Барои се ҷинояти Ғазза, ва барои чор ҷинояташ ғазабамро аз он
нахоҳам баргардонид,
чунки тамоми ҷамоатро ба асирӣ бурданд,
то ки ба Адӯм таслим кунанд+.
7 Ва оташе ба ҳисори Ғазза хоҳам фиристод,
ва қасрҳои онро фурӯ хоҳад бурд.
8 Ва сокинонро аз Ашдӯд,
ва дорандаи чӯбдасти салтанатро
аз Ашқалӯн маҳв хоҳам кард,
ва дасти Худро бар Эқрӯн хоҳам баргардонид,
ва бақияи фалиштиён нест хоҳанд шуд»,
мегӯяд Худованд Худо+.
9 Худованд чунин мегӯяд:

«Барои се ҷинояти Сӯр, ва барои чор ҷинояташ ғазабамро аз он
нахоҳам баргардонид,
чунки тамоми ҷамоати асиронро ба Адӯм таслим карданд,
ва аҳди бародариро ба ёд наоварданд+.
10 Ва оташе ба ҳисори Сӯр хоҳам фиристод,
ва қасрҳои онро фурӯ хоҳад бурд».
11 Худованд чунин мегӯяд:
«Барои се ҷинояти Адӯм, ва барои чор ҷинояташ ғазабамро аз он
нахоҳам баргардонид,
чунки бародари худро бо шамшер таъқиб кард,
ва раҳму шафқати худро барҳам дод,
ва хашмаш доимо шиддат меёфт,
ва ғазаби худро ҳамеша нигоҳ медошт+.
12 Ва оташе ба Темон хоҳам фиристод,
ва қасрҳои Басраро фурӯ хоҳад бурд».
13 Худованд чунин мегӯяд:
«Барои се ҷинояти банӣ-Аммӯн, ва барои чор ҷинояташон ғазабамро
аз онҳо нахоҳам баргардонид,
чунки занони ҳомилаи Ҷилъодро шикамчок карданд,
то ки ҳудуди худро васеъ гардонанд+.
14 Ва оташе дар ҳисори Рабба хоҳам дардод,
ва қасрҳои онро дар миёни нидоҳои рӯзи корзор,
дар тундбоди рӯзи тӯфон фурӯ хоҳад бурд+.
15 Ва подшоҳи онҳо ба асирӣ хоҳад рафт, — вай,
ва миронаш ҳамроҳи вай»,
мегӯяд Худованд+.

## Давоми он.

**2** [1] Худованд чунин мегӯяд:
«Барои се ҷинояти Мӯоб, ва барои чор ҷинояташ ғазабамро аз он нахоҳам баргардонид,
чунки устухонҳои подшоҳи Адӯмро сӯзонида оҳак гардонид+.
[2] Ва оташе ба Мӯоб хоҳам фиристод,
ки қасрҳои Қариютро фурӯ хоҳад бурд,
ва Мӯоб дар миёни ғавғо
ва нидоҳо ва садои шох хоҳад мурд+.
[3] Ва доварро аз даруни он маҳв хоҳам кард,
ва ҳамаи миронашро ҳамроҳи вай хоҳам кушт», мегӯяд Худованд.

## Доварӣ бар Яҳудо ва Исроил.

[4] Худованд чунин мегӯяд:
«Барои се ҷинояти Яҳудо, ва барои чор ҷинояташ ғазабамро аз он нахоҳам баргардонид,
чунки шариати Худовандро тарк карданд,
ва фароизи Ӯро риоя нанамуданд,
ва бутҳои онҳо,
ки падаронашон пайравӣ мекарданд,
онҳоро дар иштибоҳ андохт+.
[5] Ва оташе ба Яҳудо хоҳам фиристод,
ки қасрҳои Ерусалимро фурӯ хоҳад бурд»+.
[6] Худованд чунин мегӯяд:
«Барои се ҷинояти Исроил, ва барои чор
ҷинояташ ғазабамро аз он нахоҳам баргардонид,
чунки одилро ба нуқра, ва камбағалро дар ивази як ҷуфт кафш мефурӯшанд;+
[7] Муштоқи онанд, ки ғубори замин бар сари мискинон бошад,
ва бенавоёнро аз роҳ мезананд;
ва мард ва падараш назди як зан меравand,
то ки исми қуддуси Маро беҳурмат кунанд;+
[8] Ва бар либосҳои гаравӣ назди ҳар қурбонгоҳ меёзанд,
ва шароби ҷазоёфтагонро дар хонаи Худои худ менӯшанд.
[9] Ва ҳол он ки Ман амӯриёнро, ки мисли арзҳо баландқомат

ва мисли булутҳо бақувват буданд, пеши онҳо маҳв намудам;
ва меваи онҳоро аз боло ва решаҳои онҳоро аз поён нест кардам+.
10 Ва Ман шуморо аз замини Миср берун овардам,
ва шуморо дар биёбон чил сол бурдам,
то ки замини амӯриёнро тасарруф намоед+.
11 Ва аз писарони шумо анбиёро,
ва аз ҷавонони шумо назиронро ба миён овардам.
Оё ҳамин тавр нест, эй банӣ-Исроил?» — мегӯяд Худованд+.
12 «Валекин шумо назиронро шароб нӯшонидед,
ва ба анбиё фармон дода, гуфтед, ки „нубувват накунед“.
13 Инак, Ман шуморо дар ҷое ки мебошед, фишор хоҳам дод,
чунон ки аробаи пур аз бандҳои гандум фишор медиҳад.
14 Ва барои тезрав ҷои гурез нахоҳад буд,
ва зӯровар бо қуввати худ ғолиб нахоҳад шуд,
ва паҳлавон ҷонашро ба саломат нахоҳад бурд+.
15 Ва камондор истодагӣ нахоҳад кард,
ва тезпо раҳо нахоҳад ёфт,
ва аспсавор ҷонашро ба саломат нахоҳад бурд.
16 Ва касе ки ҷасуртарини паҳлавонон бошад,
дар он рӯз бараҳна хоҳад гурехт»,
мегӯяд Худованд.

## Каломи Худованд дар ҳаққи тамоми хонадони Яъқуб.

3 [1] Ин каломро бишнавед, ки Худованд дар ҳаққи шумо, эй банӣ
Исроил, дар ҳаққи ҳар қабилае ки аз замини Миср берун
овардаам, ба забон ронда, гуфтааст:+
[2] «Фақат шуморо Ман аз ҳамаи қабилаҳои замин шинохтам,
бинобар ин шуморо барои ҳамаи гуноҳҳотон ба ҷазо мустаҳиқ хоҳам
кард+.
[3] Оё ду кас якҷоя роҳ мераванд,
бе он ки маслиҳатро ба як ҷо монда бошанд?
[4] Оё шер дар ҷангал наъра мезанад, агар нахҷире пеши вай набошад?
Оё шербача садояшро аз лонаи худ мебарорад, агар сайде ба даст
наоварда бошад?
[5] Оё мурғ ба доми рӯи замин меафтад, агар тузоқе барои вай
набошад?
Оё дом аз рӯи замин бардошта мешавад, агар чизе дар он наафтода
бошад?
[6] Агар дар шаҳр шох навохта шавад, оё қавм ба изтироб намеоянд?
Агар бар шаҳр мусибате ояд, оё онро Худованд ба амал
наовардааст+?
[7] Оре, Худованд Худо коре намекунад,
бе он ки сирри Худро ба бандагонаш анбиё ошкор созад+.
[8] Шер наъра задааст, — кист, ки ҳаросон нашавад?
Худованд Худо сухан рондааст, — кист, ки нубувват накунад?»+
[9] Бар қасрҳои Ашдӯд ва бар қасрҳои замини Миср эълон намоед ва
бигӯед:
«Бар кӯҳҳои Сомария ҷамъ шавед,
ва бетартибиҳои зиёдеро, ки андаруни он аст,
ва ситамҳоеро, ки дар миёни он аст, бубинед»+.
[10] «Ва онҳо росткориро намедонанд»,
мегӯяд Худованд,
«самараи зулм ва тороҷро дар қасрҳои худ захира мекунанд»+.
[11] Бинобар ин Худованд Худо чунин мегӯяд:
«Душман омада, дар гирдогирди замин ҷойгир хоҳад шуд;
ва шукӯҳи туро аз ту фурӯд хоҳад овард,
ва қасрҳои ту гирифтори тороҷ хоҳад шуд»+.

12 Худованд чунин мегӯяд: «Чунон ки чӯпон ду соқи по ё нармаи
гӯшро аз даҳони шер раҳо мекунад,
ончунон банӣ-Исроил, ки дар Сомария бар гӯшаи бистар
ва бар ҷогаҳи димишқӣ нишастаанд, раҳо хоҳанд шуд».
13 «Бишнавед ва ба хонадони Яъқуб шаҳодат диҳед»,
мегӯяд Худованд Худо, Худои лашкарҳо,
14 «Зеро дар рӯзе ки Ман Исроилро барои ҷиноятҳояш ба ҷазо
мустаҳиқ намоям,
барои қурбонгоҳҳои Байт-Ил низ ба ҷазо мустаҳиқ хоҳам намуд,
ва шохҳои қурбонгоҳ шикаста, бар замин хоҳад афтод+.
15 Ва хонаи зимистониро бо якҷоягии хонаи тобистонӣ хароб хоҳам
кард,
ва хонаҳои оҷ талаф хоҳад шуд,
ва хонаҳои бисьёр нест хоҳад гардид», мегӯяд Худованд+.

## Қурбониҳои дар Байт-Ил овардашуда сабаби ғазаби Худованд гардидааст.

1 «Ин каломро бишнавед, эй модаговони Бошон, ки бар кӯҳи Сомария буда,
бенавоёнро зулм мекунед, камбағалонро ба танг меоваред ва ба оғоёни худ мегӯед:
„Биёред, то ки бинӯшем!“+
2 Худованд Худо бо қудсияти Худ қасам хӯрдааст,
ки инак, айёме бар шумо меояд,
ки шуморо бо чангчаҳо хоҳанд кашид,
ва бақияи шуморо — бо қалмоқҳои моҳигирӣ+.
3 Ва ҳар яке аз шумо аз рахнаи рӯ ба рӯяш берун хоҳад рафт,
ва ҳарамсарои худро тарк хоҳад кард», мегӯяд Худованд+.
4 «Ба Байт-Ил биёед ва ҷиноят кунед,
ба Ҷилҷол омада, ҷиноятро афзун намоед,
ва бомдодон қурбониҳои худро биёред,
ва дар ҳар се рӯз — ушрҳои худро+.
5 Ва аз хамири туруш ҳадияи шукрона биёред,
ва ҳадияҳои ихтиёририро нидокунон эълон намоед,
зеро ки инро шумо, эй банӣ-Исроил, дӯст медоред»,
мегӯяд Худованд Худо+.
6 «Ва Ман низ тозагии дандонҳоро дар ҳамаи шаҳрҳотон,
ва камии нонро дар ҳамаи маконҳотон ба шумо додам,
валекин сӯи Ман барнагаштед», мегӯяд Худованд+.
7 «Ва Ман низ, вақте ки то дарав се моҳ монда буд,
боронро аз шумо боздоштам, ва бар як шаҳр боронидам,
ва бар шаҳри дигар набоjoš;
як қитъаи саҳро шодоб гардид, ва қитъаи дигар,
ки борон бар он наборид, хушк шуд+.
8 Ва аҳли ду-се шаҳр сӯи як шаҳр барои нӯшидани об равона шуданд, вале сер нашуданд;
валекин сӯи Ман барнагаштед», мегӯяд Худованд.
9 «Шуморо бо боди самум ва хушкӣ зарба задам;
аксари боғҳо ва токҳо ва дарахтони анҷир ва зайтуни шуморо малах хӯрд;

валекин сӯи Ман барнагаштед», мегӯяд Худованд+.
10 «Ваборо аз қабили он ки дар Миср воқеъ шудааст, бар шумо фиристодам;
ҷавонони шуморо ба дами шамшер куштам,
дар сурате ки аспҳотон ба асирӣ афтод;
ва тааффуни ӯрдуҳои шумо баромада, ба димоғатон зад;
валекин сӯи Ман барнагаштед», мегӯяд Худованд+.
11 «Андаруни шумо харобӣ ба амал овардам,
монанди харобие ки Худо дар Садӯм ва Амӯро ба амал овардааст,
ва шумо мисли кундаи нимсӯхтае будед, ки аз миёни оташ баровaрда шуда бошад;
валекин сӯи Ман барнагаштед», мегӯяд Худованд,+
12 «Бинобар ин бо ту, эй Исроил, чунин амал хоҳам кард;
ва азбаски бо ту чунин амал хоҳам кард, ту, эй Исроил,
худро омода намо, ки бо Худои худ рӯ ба рӯ шавӣ».
13 Зеро, инак Ӯ, ки кӯҳҳоро ба вуҷуд овардааст
ва бодро офаридааст,
ва ба одамизод фикрҳои Худро хабар медиҳад,
рӯшноӣ ва зулмотро ба амал меоварад,
ва бар баландиҳои замин қадамгузор мешавад,
— Худованд Худои лашкарҳо исми Ӯст+.

## Андӯҳи Худованд дар бораи Исроил.

5 [1] Ин каломро, ки ман дар ҳаққи шумо, эй хонадони Исроил,
ҳамчун марсия ба забон меронам, бишнавед:
[2] Дӯшизаи Исроил фурӯ ғалтидааст ва дигар нахоҳад бархост;
бар замини худаш партофта шудааст,
ва касе нест, ки варо бархезонад+.
[3] Зеро ки Худованд Худо чунин мегӯяд:
«Аз шаҳре ки бо ҳазор нафар берун меояд,
сад нафар барои хонадони Исроил боқӣ хоҳанд монд,
ва аз шаҳре ки бо сад нафар берун меояд,
даҳ нафар боқӣ хоҳанд монд».
[4] Зеро ки Худованд ба хонадони Исроил чунин мегӯяд:
«Маро толиб бошед, ва хоҳед зист+.
[5] Вале Байт-Илро толиб набошед, ва ба Ҷилҷол наоед,
ва ба Беэр-Шобаъ нагузаред,
зеро ки Ҷилҷол ба асирӣ хоҳад рафт,
ва Байт-Ил ба ҳеҷу пуч мубаддал хоҳад шуд»+.
[6] Худовандро толиб бошед, ва хоҳед зист;
мабодо ғазаби Ӯ мисли оташ дар хонадони Юсуф даргирифта,
варо фурӯ барад, ва касе набошад,
ки онро дар Байт-Ил хомӯш кунад+.
[7] Эй, ки инсофро ба явшон мубаддал менамоед,
ва адолатро бар замин мепартоед!
[8] Ӯ, ки Парвин ва Ҷабборро офаридааст,
ва зулмотро ба субҳ табдил медиҳад,
ва рӯзро шаби торик мегардонад,
ва обҳои баҳрро даъват менамояд,
ва онҳоро бар рӯи замин мерезад, —
Худованд исми Ӯст+.
[9] Ӯ ҳалокатро бар зидди зӯровар қувват медиҳад,
ва ҳалокат ба қалъа дохил мешавад.
[10] Аз касе ки дар маҳкама далел меоварад,
кароҳат доранд, ва аз шахси ростгӯй нафрат мекунанд+.
[11] Бинобар ин, азбаски бенаворо поймол кардед,
ва аз ғаллаи вай хироҷ гирифтед, —

хонаҳо аз санги тарошида хоҳед сохт,
вале дар онҳо сокин нахоҳед шуд;
токҳои дилпазир хоҳед парварид,
вале шароби онҳоро нахоҳед нӯшид,+
12 Зеро медонам, ки ҷиноятҳои шумо чӣ қадар бисьёр,
ва гуноҳҳои шумо чӣ қадар азим аст:
шахси одилро ба танг меоваред, ришва мегиред,
ва нисбат ба камбағалон дар маҳкама каҷкорӣ мекунед+.
13 Бинобар ин шахси бохирад дар ин замон хомӯш мемонад,
зеро ки замони бад аст.
14 Некиро толиб бошед, на бадиро, то ки зист кунед;
ва он гоҳ Худованд Худои лашкарҳо бо шумо хоҳад буд, чунон ки мегӯед.
15 Аз бадӣ нафрат кунед ва некиро дӯст доред,
ва инсофро дар маҳкама аз нав барқарор намоед;
шояд Худованд Худои лашкарҳо бар бақияи Юсуф марҳамат кунад+.

## Рӯзи Худованд.

16 Бинобар ин Худованд Худо, Худои лашкарҳо чунин мегӯяд:
«Дар ҳамаи майдонҳо навҳа хоҳад буд,
ва дар ҳамаи кӯчаҳо хоҳанд гуфт: „Ҳайҳот! Ҳайҳот!“
Ва зироаткорро барои мотам гирифтан,
ва навҳагаронро барои навҳа кардан хоҳанд хонд+.
17 Ва дар ҳамаи токзорҳо навҳа хоҳад буд,
зеро ки Ман андаруни ту хоҳам гузашт», мегӯяд
Худованд+.
18 Вой ба ҳоли муштоқони рӯзи Худованд!
Ин рӯзи Худованд ба шумо барои чӣ лозим аст?
Он торикист ва на рӯшноӣ+.
19 Мисли ин ки касе аз шер гурехта,
ба хирс дучор шавад, ва ба хона даромада,
дасташро ба девор бимонад, ва море ӯро бигазад.
20 Охир, рӯзи Худованд торикист ва на рӯшноӣ,
ва тирагист, ва дурахше дар он нест.

## Қурбониҳо бидуни адолати ҳақиқӣ — қабоҳат аст пеши Худованд.

21 «Ман аз идҳои шумо кароҳат ва нафрат дорам,
ва қурбониҳои шуморо дар маҷлисҳои қавматон қабул нахоҳам
кард+.
22 Ҳатто агар қурбониҳои сӯхтанӣ ва ҳадияҳои ордии худро барои
Ман биёред,
онҳо дилхоҳи Ман нахоҳад буд,
ва ба қурбонии шукронаи говони парварии шумо назар нахоҳам
андохт.
23 Ғавғои сурудҳои худро аз Ман дур кун,
ва навозиши барбатҳои туро Ман гӯш нахоҳам кард.
24 Бигзор инсоф мисли об,
ва адолат мисли наҳри бепоён ҷӯш зада ҷорӣ гардад!
25 Оё шумо, эй хонадони Исроил,
дар биёбон дар зарфи чил сол қурбониҳо
ва ҳадияҳо барои Ман овардед+?
26 Балки Сиккути малики худ ва Кийюни бути худ,
яъне кавкаби худоёни худро,
ки барои худ сохта будед, бардошта гаштед.
27 Ва шуморо Ман ҷалои ватан карда,
ба он тарафи Димишқ хоҳам ронд»,
мегӯяд Худованд,
ки Худои лашкарҳо исми Ӯст+.

## Вой ба ҳоли онҳое ки дар Сион бепарво мебошанд.

[1] Вой ба ҳоли онҳое ки дар Сион бепарво
ва дар кӯҳи Сомария дилпур мебошанд, —
ин нақибони халқи хуҷиста,
ки хонадони Исроил назди онҳо меоянд!+
[2] Ба Кална убур намоед ва бубинед,
ва аз он ҷо ба Ҳамоти бузург биравед,
ва ба Ҷати фалиштиён фурӯд оед:
оё онҳо аз ин мамлакатҳо беҳтаранд?
Оё ҳудуди инҳо аз ҳудуди шумо зиёдтар аст+?
[3] Онҳое ки рӯзи бадро дур меандозанд,
ва ҳокимияти ситамро наздик меоваранд;
[4] Онҳое ки бар ҷогаҳои оҷ мехобанд,
ва бар бистарҳои худ меёзанд,
ва барраҳои фарбеҳро аз миёни рама
ва гӯсолаҳоро аз пеши охур гирифта мехӯранд;
[5] Онҳое ки бо навозиши барбат месароянд,
ба гумони он ки мисли Довуд барои худ асбоби мусиқӣ ихтироъ мекунанд;
[6] Онҳое ки аз косаҳо шароб менӯшанд,
ва худро бо равғанҳои беҳтарин
тадҳин менамоянд,
ва дар бораи шикасти Юсуф
афсӯс намехӯранд, —
[7] Бинобар ин онҳо акнун дар сари асирон ба асирӣ хоҳанд рафт,
ва шавқуни айёшон хотима хоҳад ёфт.
[8] Худованд Худо ба Зоти Худ қасам мехӯрад,
ва Худованд Худои лашкарҳо мегӯяд:
«Ман аз ифтихори Яъқуб кароҳат дорам,
ва аз қасрҳои ӯ нафрат менамоям,
ва шаҳрро бо ҳар чи дар он аст, таслим хоҳам кард»+.

[9] Ва чунин воқеъ хоҳад шуд, ки агар даҳ одам дар як хона боқӣ
монда бошанд, онҳо низ хоҳанд мурд.

[10] Ва ҳангоме ки варо хешованди вай ва сӯзонандаи вай бардорад,
то ки устухонҳоро аз хона берун оварад, ва ба касе ки дар як гӯшаи

хона бошад, бигӯяд: «Оё боз касе бо ту ҳаст?», вай ҷавоб хоҳад дод:
«Ҳеҷ кас нест»; ва ӯ хоҳад гуфт: «Хомӯш бош! — то ки исми Худованд
зикр карда нашавад».
11 Зеро инак, Худованд амр мефармояд, ва хонаи калон гард-гард
мешавад, ва хонаи хурд — пора-пора.
12 Оё аспон бар сахра метозанд?
Оё онро бо говҳо шудгор кардан мумкин аст?
Зеро ки шумо инсофро ба гиёҳи заҳрдор табдил додаед,
ва самари адолатро — ба явшон.
13 Шумо, ки аз ночизе шод мешавед ва мегӯед:
«Оё бо қуввати худ шоххо барои худ ба даст наовардем?» —
14 «Инак Ман», мегӯяд Худованд Худои лашкарҳо,
«халқеро бар зидди шумо, эй хонадони Исроил, бармеангезам,
ва шуморо аз даромадгоҳи Ҳамот то наҳри Аробо ба танг хоҳанд
овард».

## Се рӯъё дар бораи доварии оянда бар Исроил.

7 [1] Худованд Худо ба ман чунин рӯъёро намоён кард, ва инак,
дар ибтидои рӯидани алафи бевақтӣ Ӯ малахро ба вуҷуд овард, ва
ин алафе буд баъд аз даравидани алафи подшоҳ+.
[2] Ва ҳангоме ки вай алафи заминро хӯрда тамом кард, ман
гуфтам:
«Худоё Худовандо! Лутфан, марҳамат намо!
Чӣ гуна Яъқуб қомат рост кунад? Вай бағоят хурд аст».
[3] Худованд аз ин пушаймон гардид.
«Ин тавр нахоҳад шуд!» — гуфт Худованд+.
[4] Худованд Худо ба ман чунин рӯъёро намоён кард, ва инак
Худованд Худо оташро хонд, ки доварӣ намояд, ва вартаи азимро
фурӯ бурд, ва қитъаи саҳроро сӯзонид.
[5] Ва ман гуфтам:
«Худоё Худовандо! Лутфан, боздор!
Чӣ гуна Яъқуб қомат рост кунад? Вай бағоят хурд аст».
[6] Худованд аз ин пушаймон гардид.
«Ин тавр низ нахоҳад шуд!» — гуфт Худованд Худо.
[7] Ба ман чунин рӯъёро намоён кард, ва инак Худованд бар девори
амӯдӣ истода буд, ва шоқуле дар дасташ буд.
[8] Ва Худованд ба ман гуфт: «Эй Омӯс, чӣ мебинӣ?» Гуфтам:
«Шоқуле». Ва Худованд гуфт:
«Инак, шоқуле дар миёни қавми Худ Исроил мегузорам, ва дигар аз
гуноҳашон гузаройӣ нахоҳам кард+.
[9] Ва баландиҳои Исҳоқ валангор,
ва қудсҳои Исроил хароб хоҳад шуд,
ва бар хонадони Ёробъом бо шамшер қиём хоҳам кард»+.

## Коҳини Байт-Ил Омӯсро пеши подшоҳ айбдор мекунад.

[10] Ва Амасьё, коҳини Байт-Ил, назди Ёробъом, подшоҳи Исроил,
кас фиристод, то бигӯяд: «Омӯс дар миёни хонадони Исроил бар
зидди ту ошӯб меандозад; замин наметавонад ҳамаи суханони ӯро
гунҷоиш диҳад;+
[11] Зеро ки Омӯс чунин мегӯяд: „Ёробъом ба дами шамшер хоҳад
мурд, ва Исроил аз замини худ ба асирӣ бурда хоҳад шуд“»+.

12 Ва Амасьё ба Омӯс гуфт: «Эй валӣ! Рафта ба замини Яхудо
бигрез, ва дар он ҷо нон бихӯр, ва дар он ҷо нубувват намо;+
13 Валекин дар Байт-Ил дигар нубувват накун, зеро ки қудси
подшоҳ аст он, ва хонаи салтанат аст он»+.
14 Ва Омӯс ҷавоб гардонда, ба Амасьё гуфт: «Ман на набӣ ҳастам ва
на писари набӣ, балки рамабон будам ва дарахтони ҷумизро
меҷустам+.
15 Ва Худованд маро аз хизмати гӯсфандон гирифт, ва Худованд ба
ман гуфт: „Рафта, ба қавми Ман Исроил нубувват намо“.
16 Ва акнун каломи Худовандро бишнав: ту мегӯӣ: „Дар ҳаққи
Исроил нубувват накун ва дар ҳаққи хонадони Исҳоқ сухан нарон“+.
17 Бинобар ин Худованд чунин мегӯяд: „Зани ту дар шаҳр
гирифтори зино хоҳад шуд, ва писарону духтарони ту ба дами
шамшер хоҳанд афтод, ва замини ту бо риштаи андоза тақсим карда
хоҳад шуд, ва ту бар замини нопок хоҳӣ мурд, ва Исроил аз замини
худ ба асирӣ бурда хоҳанд шуд“».

## Сабади пур аз меваҷот — аломати заволи наздики Исроил.

8 [1] Худованд Худо ба ман чунин рӯъёро намоён кард, ва инак,
сабаде пур аз меваҷот+.
[2] Ва Ӯ гуфт: «Эй Омӯс, ту чӣ мебинӣ?» Гуфтам: «Сабаде пур аз
меваҷот». Ва Худованд ба ман гуфт: «Заволи қавми Ман Исроил фаро
расидааст; дигар аз гуноҳашон гузарой нахоҳам кард+.
[3] Ва сурудҳои қаср дар он рӯз ба навҳа табдил хоҳад ёфт», мегӯяд
Худованд Худо, «лошаҳо бисьёр хоҳад шуд, ва дар ҳар ҷо онҳоро
хомӯшона берун хоҳанд партофт».
[4] Инро бишнавед, эй муштоқони поймол кардани мискинон ва
маҳв сохтани бенавоёни замин,
[5] Ки мегӯед:
«Навмоҳ кай мегузарад, то ки ғалларо бифрӯшем;
ва шанбе кай мегузарад, то ки анборҳои ғалларо бикшоем,
вазнро кам ва қиматро зиёд кунем,
ва бо тарозуи нодуруст фиреб диҳем,+
[6] Бенавоёнро ба нуқра,
ва мискинонро дар ивази як ҷуфт кафш бихарем,
ва пасмондаи ғалларо бифрӯшем»+.
[7] Худованд ба ифтихори Яъқуб қасам хӯрдааст:
«Ҳеҷ яке аз аъмоли онҳоро ҳаргиз фаромӯш нахоҳам кард!
[8] Оё ба ин сабаб замин ба ҷунбиш нахоҳад омад,
ва ҳар сокини он мотам нахоҳад гирифт?
Ва он сар то сараш мисли наҳр баланд хоҳад шуд,
ва мисли дарьёи Нили Миср туғьён хоҳад кард
ва фурӯ хоҳад нишаст»+.
[9] «Ва дар он рӯз чунин воқеъ хоҳад шуд», мегӯяд Худованд Худо,
«ки ғуруби офтобро дар нисфи рӯз ба амал хоҳам овард,
ва заминро дар айни рӯзи равшан торик хоҳам кард+.
[10] Ва идҳои шуморо ба мотам,
ва ҳамаи сурудҳои шуморо ба навҳа табдил хоҳам дод,
ва бар ҳар камар палос,
ва бар ҳар сар бемӯӣ хоҳам овард,
ва инро мисли мотами фарзанди ягона,
ва охирашро мисли рӯзи талх хоҳам гардонид+.

11 Инак айёме меояд», мегӯяд Худованд Худо,
«ки гуруснагӣ бар замин хоҳам фиристод, —
аммо на гуруснагӣ аз нон ва на ташнагӣ аз об,
балки аз шунидани суханони Худованд+.
12 Ва аз баҳр то баҳр,
ва аз шимол то шарқ ҳаракат хоҳанд кард:
гаштугузор намуда, каломи Худовандро ҷустуҷӯ хоҳанд кард,
вале онро нахоҳанд ёфт.
13 Дар он рӯз дӯшизагони соҳибҷамол
ва ҷавонон аз ташнагӣ беҳуш хоҳанд шуд;
14 Онҳое ки ба гуноҳи Сомария қасам хӯрда,
мегӯянд: „Ба ҳаёти худои ту, эй Дон!“
ва „Ба ҳаёти худои Беэр-Шобаъ!“, —
фурӯ хоҳанд ғалтид ва дигар нахоҳанд бархост»+.

## Нубуввати охирин дар бораи парокандагӣ.

9 [1] Худовандро дидам, ки назди қурбонгоҳ истода буд, ва гуфт:
«Сарҳои сутунҳоро бизан, то ки остонаҳо ба ларза ояд,
ва онҳоро бар сари ҳама бишкан, ва боқимондагонро Ман ба дами шамшер хоҳам кушт:
гурезпое аз онҳо нахоҳад гурехт,
ва наҷотталабе аз онҳо наҷот нахоҳад ёфт+.
[2] Агар дӯзахро рахна карда фурӯд оянд,
дасти Ман онҳоро аз он ҷо хоҳад гирифт;
ва агар ба осмон сууд кунанд,
онҳоро аз он ҷо фурӯд хоҳам овард+.
[3] Ва агар дар куллаи Кармил пинҳон шаванд,
онҳоро аз он ҷо ҷустуҷӯ намуда, хоҳам гирифт;
ва агар аз пеши назарам дар қаъри баҳр руст шаванд,
дар он ҷо морро амр хоҳам фармуд, ки онҳоро бигазад+.
[4] Ва агар пешопеши душманони худ ба асирӣ бираванд,
дар он ҷо шамшерро амр хоҳам фармуд, ки онҳоро бикушад,
ва Ман чашми Худро бар онҳо барои бадӣ хоҳам нигаронид, ва на барои некӣ».
[5] Ва Худованд Худои лашкарҳо чун ба замин бирасад,
он гудохта мешавад, ва ҳамаи сокинонаш мотам мегиранд,
ва он сар то сараш мисли наҳр баланд мешавад,
ва мисли дарьёи Нили Миср фурӯ менишинад+.
[6] Ӯ кӯшкҳои Худро дар осмон бино кардааст,
ва гунбази Худро бар замин барпо намудааст;
Ӯ обҳои баҳрро даъват мекунад,
ва онҳоро бар рӯи замин фурӯ мерезад;
исми Ӯ Худованд аст+.
[7] «Оё шумо, эй банӣ-Исроил,
барои Ман мисли писарони ҳабашиён нестед?»
— мегӯяд Худованд. —
«Оё Исроилро аз замини Миср, ва фалиштиёнро аз Кафтӯр,
ва арамиёнро аз Қир берун наовардам+?
[8] Инак, чашмони Худованд Худо бар мамлакати гуноҳкор аст,
ва Ман онро аз рӯи замин маҳв хоҳам кард;

аммо хонадони Яъқубро куллиятан талаф нахоҳам кард», мегӯяд Худованд.
9 «Зеро инак, Ман амр хоҳам фармуд,
ва хонадони Исроилро дар миёни ҳамаи халқҳо хоҳам бехт,
чунон ки ғалла дар ғалбер бехта мешавад,
ва сангчае бар замин намеафтад+.
10 Ҳамаи гуноҳкорони қавми Ман ба дами шамшер хоҳанд мурд,
яъне онҳое ки мегӯянд: „Ин офат ба мо нахоҳад расид ва ба сари мо нахоҳад омад“+.

## Аз нав барқарор кардани салтанати Довуд.

11 Дар он рӯз Ман хаймаи Довудро, ки фурӯ ғалтидааст,
аз нав барпо хоҳам намуд, ва рахнаҳояшро таъмир хоҳам кард,
ва харобиҳояшро аз нав барқарор хоҳам намуд,
ва онро мисли айёми қадим бино хоҳам кард,+
12 То ки онҳо бақияи Адӯм ва ҳамаи халқҳоеро,
ки исми Ман бар онҳо ниҳода шудааст,
тасарруф намоянд», мегӯяд Худованд, ки инро ба амал меоварад.
13 «Инак, айёме меоянд», мегӯяд Худованд,
«ки шудгоркунанда ба даравгар дучор хоҳад омад,
ва пахшкунандаи ангур — ба коранда;
ва кӯҳҳо шираи ангурро хоҳад чаконид,
ва бар ҳамаи теппаҳо шир ҷорӣ хоҳад шуд+.
14 Ва асирони қавми Худ Исроилро хоҳам баргардонид,
ва онҳо шаҳрҳои валангоршударо бино карда,
дар онҳо сокин хоҳанд шуд, ва токҳо шинонда,
шароби онҳоро хоҳанд нӯшид, ва боғҳо парвариш намуда,
меваи онҳоро хоҳанд хӯрд,+
15 Ва Ман онҳоро дар заминашон хоҳам шинонд,
ва онҳо дигар аз заминашон,
ки ба онҳо додаам, канда нахоҳанд шуд»,
мегӯяд Худованд Худои ту.

---

+ 1:1 2 Подш. 14:2, 2 Вак. 11:6, Наҳ. 3:5, 4 Подш. 14:23, 4 Подш. 15:1, 2 Вак. 26:1, Иш. 1:1, Ҳуш. 1:1, Зак. 14:5

+ 1:2 Ирм. 25:30, Юил 3:16, Еҳ. 19:26, 3 Подш. 18:19

+ 1:3 Иш. 17:1, Ирм. 49:23, 4 Подш. 10:32-33, Иш. 21:10

+ 1:4 4 Подш. 8:12, 4 Подш. 13:22, Ирм. 49:27

+ 1:5 Ирм. 51:30, Ҳуш. 4:15, Ҳиз. 27:23, 4 Подш. 16:9, Иш. 22:6, Ом. 9:7

+ 1:6 Ирм. 47:1, Ирм. 47:5, 2 Вак. 28:18, Юил 3:6

+ 1:8 1 Подш. 5:1, Ом. 3:9, Саф. 2:4, Зак. 9:5

+ 1:9 Иш. 23:1, Ирм. 47:4, Ҳиз. 26:2, Юил 3:4, Зак. 9:4, 3 Подш. 5:1

+ 1:11 Иш. 34:5, Иш. 63:1, Ирм. 49:7-22, Ҳиз. 25:12-14, Уб. 1:1-16, Мал. 1:3-4, 2 Вак. 28:17, Ҳиз. 35:5

+ 1:13 Ирм. 49:1, Ҳиз. 21:28, Ҳиз. 25:2, Саф. 2:8, 4 Подш. 8:12, Ҳуш. 14:1

+ 1:14 Так. Шар. 3:11, 2 Подш. 12:26

+ 1:15 Ирм. 49:3

+ 2:1 Иш. 15:1, Иш. 25:10, Ирм. 48:1, Ҳиз. 25:8, Саф. 2:8

+ 2:2 Ирм. 48:24

+ 2:4 Иб. 26:14-15, Ирм. 16:19-20

+ 2:5 Ирм. 17:27, Ҳуш. 8:14

+ 2:6 Иб. 25:39, 4 Подш. 4:1, Ом. 8:6

+ 2:7 Айюб 24:4, Иш. 10:2, Иб. 18:8, Так. Шар. 22:30

+ 2:9 Ад. 13:32-33, Ех. 24:8

+ 2:10 Хур. 12:51, Так. Шар. 8:2

+ 2:11 Ад. 6:2, Иш. 30:10, Ирм. 11:21, Ом. 7:13, Мик. 2:6

+ 2:14 Заб. 32:16-17

+ 3:1 Хур. 12:51

+ 3:2 Так. Шар. 7:6, Так. Шар. 10:15

+ 3:6 Ҳиз. 33:4, Ҳуш. 5:8, Юил 2:1, Нав. 3:38, Мик. 1:12

+ 3:7 Ҳас. 18:17

+ 3:8 Иш. 31:4, Ад. 22:38

+ 3:9 3 Подш. 21:1

+ 3:10 Иш. 3:14, Мик. 6:10-12

+ 3:11 Так. Шар. 28:52, 4 Подш. 17:5-6, 4 Подш. 18:9-12

+ 3:14 Хур. 27:2, 3 Подш. 13:1-3, 4 Подш. 23:15

+ 3:15 Ирм. 36:22, 3 Подш. 22:39

+ 4:1 Заб. 21:12, Ҳиз. 39:18

+ 4:2 Заб. 88:36, 4 Подш. 19:28, Ҳиз. 29:4, Ҳиз. 38:4, Ҳаб. 1:15

+ 4:3 Ҳиз. 12:5, Ҳиз. 12:12

+ 4:4 Ом. 5:5, Ад. 28:3-4

+ 4:5 Иб. 7:13, Иб. 22:18, Мат. 23:13

+ 4:6 Ирм. 5:3, Ҳач. 2:17

+ 4:7 Ирм. 3:3

+ 4:9 Иб. 26:16, Так. Шар. 28:22, Ҳач. 2:17, 3 Подш. 8:37, 2 Вак. 6:28, Юил 1:4

+ 4:10 Хур. 9:3, Так. Шар. 28:27, Так. Шар. 28:60

+ 4:11 Ҳас. 19:24, Зак. 3:2

+ 4:13 Мик. 1:3

+ 5:2 Иш. 47:1

+ 5:4 Иш. 55:6, Саф. 2:3

+ 5:5 Ҳуш. 4:15, Ҳуш. 9:15, Ҳуш. 12:11, Ом. 4:4, Ом. 8:14

+ 5:6 Так. Шар. 4:24, Ибр. 12:29

+ 5:8 Айюб 9:9, Айюб 38:31, Ом. 4:13

+ 5:10 Мас. 15:12

+ 5:11 Так. Шар. 28:30, Так. Шар. 28:39, Мик. 6:15, Саф. 1:13

+ 5:12 Хур. 23:8, Иш. 29:21

+ 5:15 Заб. 96:10, Рум. 12:9

+ 5:16 Ирм. 9:17

+ 5:17 Хур. 12:12

+ 5:18 Юил 1:15, Юил 2:2, Саф. 1:15

+ 5:21 Иш. 1:11-14, Ирм. 6:20, Мал. 1:10, Иб. 3

+ 5:25 Аъм. 7:42-43

+ 5:27 4 Подш. 17:6

+ 6:1 Иш. 32:9, Саф. 1:12

+ 6:2 Иш. 10:9, Наҳум 3:8

+ 6:8 Ирм. 51:14

+ 7:1 Хур. 10:4, Юил 1:4

+ 7:3 Юил 2:13-14, Юн. 1:6, Юн. 3:9

+ 7:8 Ирм. 1:11, Ирм. 1:13, Ом. 8:2

+ 7:9 4 Подш. 15:8-12

+ 7:10 3 Подш. 12:32

+ 7:11 Ом. 6:7

+ 7:12 Мик. 3:5

+ 7:13 Ом. 2:12, 3 Подш. 12:29-33

+ 7:14 Ом. 1:1

+ 7:16 Иш. 30:10, Мик. 2:6

+ 8:1 Ирм. 24:1, Мик. 7:1

+ 8:2 Ирм. 1:11, Ирм. 1:13, Ом. 7:8, Нав. 4:18, Ҳиз. 7:2-3

+ 8:5 Ад. 28:11, Наҳ. 13:15-16, Иб. 19:36, Мик. 6:10

+ 8:6 Иб. 25:39, 4 Подш. 4:1, Ом. 2:6

+ 8:8 Ом. 9:5

+ 8:9 Ирм. 15:9, Мик. 3:6, Луқ. 23:44

+ 8:10 Ирм. 16:9, Нав. 5:15, Ҳуш. 2:11, Ирм. 6:26, Зак. 12:10

+ 8:11 1 Подш. 3:1, Заб. 73:9

+ 8:14 3 Подш. 12:29-30

+ 9:1 Дов. 16:26-30

+ 9:2 Заб. 138:8-10

+ 9:3 Заб. 67:23

+ 9:5 Заб. 45:7, Ом. 8:8

+ 9:6 Заб. 103:3, Ом. 4:13

+ 9:7 Ирм. 47:4, 4 Подш. 16:9, Иш. 22:6, Ом. 1:5

+ 9:9 Луқ. 22:31

+ 9:10 Ом. 6:3

+ 9:11 Аъм. 15:16-18

+ 9:13 Юил 3:18

+ 9:14 Айюб 3:14, Иш. 58:12, Иш. 61:4, Ирм. 31:5

*КИТОБИ*

# УБАДЬЁИ НАБӢ

1

## Зиллати Адӯм.

1 [1] •Рӯъёи Убадьё.
Худованд Худо дар бораи Адӯм чунин мегӯяд:
«Хабаре аз ҷониби Худованд шунидам,
ки қосиде назди халқҳо фиристода шудааст:
„Бархезед, ва бар зидди вай барои ҷанг бархезем“+.
[2] Инак, Ман туро дар миёни халқҳо аз ҳама хурд гардонидаам,
ва ту бағоят манфур ҳастӣ.
[3] Такаббури дилат туро фирефта кардааст;
ту, ки дар шикофҳои сахра сокин ҳастӣ,
ва масканат дар макони баланд аст,
дар дили худ мегӯӣ: „Кист, ки маро ба замин фурӯд оварад?“
[4] Агарчи ту худро мисли уқобе баланд мекунӣ, ва лонаи худро дар миёни ситорагон месозӣ,
Ман туро аз он ҷо фурӯд хоҳам овард, мегӯяд Худованд+.
[5] Агар дуздон ё ғоратгарон шаб назди ту меомаданд, —
ту чӣ гуна валангор шудаӣ! —
онҳо, охир, фақат он қадар, ки барояшон кифоят бошад, медуздиданд;
агар ангурчинон назди ту меомаданд,
онҳо, охир, баъзе шингилҳоро боқӣ мегузоштанд.
[6] Неъматҳои Эсов чӣ гуна кофтуков,
ва ганҷҳои ниҳонии ӯ чӣ гуна ошкор карда шудааст!
[7] Ҳамаи иттифоқчиёнат туро то сарҳад бадар ронданд;
хайрхоҳонат туро дар иштибоҳ андохта,
бар ту ғолиб омаданд;
хӯрандагони нонат доме дар таги ту ниҳоданд, ва дар ҳаққи ту мегӯянд:
„Хираде дар онҳо нест!“
[8] Дар он рӯз, охир, мегӯяд Худованд,
Ман ҳакимонро дар Адӯм,
ва хирадро аз кӯҳи Эсов маҳв хоҳам кард.
[9] Ва баҳодурони ту, эй Темон, ба ҳарос хоҳанд афтод,
то ки ҳар яке аз кӯҳи Эсов аз куштор несту нобуд гардад+.

## Гуноҳи азими Адӯм.

10 Аз боиси зулме ки ту дар ҳаққи бародарат Яъқуб кардаӣ,
хиҷолат туро хоҳад пӯшонид,
ва ту ба сурати абадӣ маҳв хоҳӣ шуд.
11 Дар он рӯзе ки ту дар рӯ ба рӯ меистодӣ,
дар он рӯзе ки бегонагон дороии ӯро тороҷ мекарданд,
ва аҷнабиён ба дарвозаҳои ӯ дохил мешуданд,
ва дар ҳаққи Ерусалим қуръа мепартофтанд, ту низ мисли яке аз онҳо будӣ+.
12 Рӯзи бародари худро, рӯзи шикасти ӯро тамошо накун,
ва дар ҳаққи банӣ-Яҳудо дар рӯзи ҳалокати онҳо шодӣ нанамо,
ва дар рӯзи мусибат даҳон ба лоф накушо+.
13 Ба дарвозаи қавми Ман дар рӯзи ҳалокаташон дохил нашав,
ту низ дар рӯзи ҳалокаташон бадбахтии онҳоро тамошо накун,
ва дар рӯзи ҳалокаташон ба дороии онҳо даст дароз накун+.
14 Ва дар сари чорраҳа наист,
то ки гурезаҳои онҳоро несту нобуд кунӣ;
ва боқимондагони онҳоро дар рӯзи мусибат таслим накун.

## Адӯм дар рӯзи Худованд.

15 Зеро ки рӯзи Худованд бар ҳамаи халқҳо наздик аст:
чунон ки ту амал кардаӣ,ончунон ба ту амал карда хоҳад шуд;
подоши ту бар сарат хоҳад баргашт+.
16 Зеро, чунон ки бар кӯҳи муқаддаси Ман нӯшидаед,
ончунон ҳамаи халқҳо ҳамеша хоҳанд нӯшид,
ва нӯшида, фурӯ хоҳанд бурд,
ва тавре хоҳанд шуд, ки гӯё мутлақо мавҷуд набуданд+.

## Наҷот бар кӯҳи Сион.

17 Вале бар кӯҳи Сион наҷот хоҳад буд,
ва он муқаддас хоҳад шуд;
ва хонадони Яъқуб мероси худро тасарруф хоҳанд кард+.
18 Ва хонадони Яъқуб оташ, ва хонадони Юсуф аланга,
ва хонадони Эсов коҳ хоҳанд буд,
ва дар дохили онҳо даргирифта, онҳоро хоҳанд сӯзонид,
ва бақияе аз хонадони Эсов нахоҳад монд,

зеро ки инро Худованд гуфтааст+.
19 Ва аҳли ҷануб кӯҳи Эсоврo,
ва аҳли пастӣ замини фалиштиёнро тасарруф хоҳанд кард;
ва саҳрои Эфроим ва саҳрои Сомарияро тасарруф хоҳанд кард;
ва Биньёмин — Ҷилъодро.
20 Ва асирони ин лашкари банӣ-Исроил замини канъониёнро то Сорфат тасарруф хоҳанд кард,
ва асирони Ерусалим, ки дар Сефорад мебошанд,
шаҳрҳои ҷанубиро тасарруф хоҳанд кард+.
21 Ва наҷотдиҳандагон ба кӯҳи Сион хоҳанд баромад,
то ки бар кӯҳи Эсов доварӣ кунанд;
ва малакут аз они Худованд хоҳад шуд»+.

---

● 1:1 *Ирм. 49:7-22*

+ 1:1 Иш. 34:5, Ирм. 49:7-22, Ҳиз. 25:12-14, Ҳиз. 35, Ом. 1:11-12, Мал. 1:3-4

+ 1:4 Ад. 24:21, Ҳаб. 2:9

+ 1:9 Ҳас. 36:5, Айюб 2:11, Ом. 1:12

+ 1:11 4 Подш. 25:13-17, Юил 3:3, Наҳум 3:10, Заб. 136:7

+ 1:12 Мик. 4:11, Мик. 7:8

+ 1:13 Мас. 17:5, Ҳиз. 35:10

+ 1:15 Иш. 13:6, Юил 1:15, Саф. 1:7, Ирм. 50:29, Ҳиз. 35:15, Ҳаб. 2:8

+ 1:16 Ирм. 25:27-28, Заб. 74:8, Иш. 51:17, Ирм. 25:15, Зак. 12:2, Ваҳй 14:10

+ 1:17 Иш. 4:3, Юил 2:32

+ 1:18 Зак. 12:6

+ 1:20 3 Подш. 17:9

+ 1:21 Дон. 7:14, Дон. 7:27, Зак. 14:9, Луқ. 1:33, 1 Қӯр. 15:24, Ваҳй 11:15

*КИТОБИ*

# ЮНУСИ НАБӢ

1 2 3 4

## Даъват шудани Юнус.

1 [1] Ва каломи Худованд ба самъи Юнус ибни Амитай расид, ки
мегуфт:+
[2] «Бархез, ба Нинве — шаҳри бузург — бирав ва дар он мавъиза
намо, зеро ки бадкории онҳо то ба пеши Ман баромадааст»+.

## Гурехтани Юнус. Тӯфони бузурге бар баҳр.

[3] Ва Юнус бархост, то ки аз пеши Худованд ба Таршиш бигрезад; ва
ба Ёфӯ омада, киштие ёфт, ки ба Таршиш рафтанӣ буд, ва киропулии
онро дода, савор шуд, то ки ҳамроҳи онҳо аз пеши Худованд ба
Таршиш биравад+.
[4] Вале Худованд боди тунде бар баҳр бархезонд, ва тӯфони бузурге
дар баҳр ба амал омад, ва киштӣ ба шикастан наздик буд+.
[5] Ва маллоҳон ба ҳарос афтода, ҳар яке ба худои худ истиғоса
менамуданд, ва асбобу анҷомеро, ки дар киштӣ буд, дар баҳр
мепартофтанд, то ки бори худро сабук кунанд; аммо Юнус ба
таҳхонаи сафина фуромада, дароз кашид, ва хоби сахташ бурд+.
[6] Ва сардори киштӣ назди ӯ омада, ба ӯ гуфт: «Туро чӣ шудааст, ки
хобидаӣ? Бархез, Худои худро бихон; шояд, Худо моро ёд кунад, ва
мо ба ҳалокат нарасем»+.
[7] Ва ба якдигар гуфтанд: «Биёед, қуръа партоем, то бидонем, ки аз
боиси кӣ ин офат ба мо расидааст». Ва қуръа партофтанд, ва қуръа ба
номи Юнус афтод+.
[8] Он гоҳ ба ӯ гуфтанд: «Ба мо бигӯ, ки аз боиси кӣ ин офат ба мо
расидааст? Касбу кори ту чист, ва аз куҷо меоӣ? Диёри ту куҷост, ва
аз кадом қавм ҳастӣ?»
[9] Ва ӯ ба онҳо гуфт: «Ман ибрӣ ҳастам, ва аз Худованд Худои
осмон, ки баҳр ва хушкиро офаридааст, метарсам»+.
[10] Ва он одамон сахт ҳаросон шуда, ба ӯ гуфтанд: «Ин чӣ кор аст,
ки кардӣ?» Зеро он одамон донистанд, ки ӯ аз пеши Худованд
гурехтааст, чунон ки худаш ба онҳо баён намуд.
[11] Ва ба ӯ гуфтанд: «Бо ту чӣ кунем, то ки баҳр барои мо сокит
шавад?» Зеро ки баҳр беш аз пеш мехурӯшид.

## Юнус дар баҳри хурӯшон андохта шуд.

12 Он гоҳ ӯ ба онҳо гуфт: «Маро бардошта, дар баҳр андозед, — ва баҳр барои шумо сокит хоҳад шуд, зеро ман медонам, ки аз боиси ман ин тӯфони бузург ба сари шумо омадааст».
13 Лекин он одамон бошиддат бел задан гирифтанд, то киштиро ба хушкӣ баргардонанд, аммо натавонистанд, зеро ки баҳр беш аз пеш бар зидди онҳо мехурӯшид.
14 Он гоҳ сӯи Худованд нидо карда, гуфтанд: «Лутфан, эй Худованд, аз боиси ҷони ин одам ба ҳалокат нарасем, ва хуни бегуноҳро ба гардани мо намон; зеро ки Ту, эй Худованд, он чи бихостӣ, бикардӣ»+.
15 Ва Юнусро бардошта, дар баҳр андохтанд; ва баҳр аз талотумаш бозистод+.
16 Ва он одамон аз Худованд сахт тарсиданд, ва барои Худованд қурбонӣ карданд, ва назрҳо бастанд+.

## Моҳии бузург Юнусро фурӯ бурд. Дуои Юнус.

2 [1] Ва Худованд ба моҳии бузурге фармуд, ки Юнусро фурӯ
барад; ва Юнус се шабонарӯз дар шиками моҳӣ буд+.
[2] Ва Юнус аз шиками моҳӣ сӯи Худованд Худои худ дуо кард,
[3] Ва гуфт:
«Дар тангии худ сӯи Худованд хондам,
ва маро иҷобат намуд;
аз батни дӯзах истиғоса бурдам,
ва Ту овози маро шунидӣ+.
[4] Ту маро дар қаър, дар дили баҳрҳо андохтӣ,
ва селоб маро иҳота намуд;
ҳамаи туғьёнҳо ва мавҷҳои Ту бар ман гузашт+.
[5] Ва ман гуфтам: „Аз назари Ту ронда шудаам;
вале қасри қудси Туро боз хоҳам дид“.
[6] Обҳо маро то ба ҷонам фаро гирифт;
варта маро иҳота намуд; обсабза ба сарам печид+.
[7] То бехи кӯҳҳо нузул кардам;
замин бо ғалақаҳои худ то ба абад пеши роҳамро гирифт;
лекин Ту, эй Худованд Худои ман, ҳаётамро аз дӯзах баровардӣ.
[8] Вақте ки ҷонам дар ман аз ҳол мерафт,
Худовандро ба ёд овардам,
ва дуои ман ба даргоҳи Ту, ба қасри қудси Ту расид+.
[9] Пайравони бутҳои бекора
Эҳсонкунандаи худро тарк мекунанд,+
[10] Лекин ман бо овози шукрона барои Ту қурбонӣ хоҳам кард;
он чи назр намудаам, адо хоҳам кард.
Наҷот дар дасти Худованд аст!»+
[11] Ва Худованд ба моҳӣ бигуфт, ва Юнусро ба хушкӣ қай кард.

## Пушаймонии Юнус ва мавъизаи муборак дар Нинве.

3 1 Ва каломи Худованд бори дуюм ба гӯши Юнус расид, ки
мегуфт:
2 «Бархез, ба Нинве — шаҳри бузург — бирав ва он чиро, ки Ман ба
ту фармудам, дар он мавъиза намо»+.
3 Ва Юнус бархоста, бар тибқи каломи Худованд ба Нинве рафт; ва
Нинве шаҳри бузурги Худо буд, ки дар се рӯз давр мезаданд.
4 Ва Юнус ба даврзании шаҳр сар карда, як рӯз гашт, ва мавъиза
намуда, мегуфт: «Баъд аз чил рӯз Нинве хароб хоҳад шуд!»
5 Ва мардуми Нинве ба Худо имон оварданд, ва рӯза эълон
карданд, ва аз калонашон то хурдашон палос пӯшиданд+.
6 Ва ин гап ба гӯши подшоҳи Нинве расид, ва ӯ аз тахти худ
бархоста, ҷомаи салтанатро аз худ дур кард, ва палос пӯшида, бар
хокистар нишаст,+
7 Ва амр фармуд, ки дар Нинве аз номи подшоҳ ва акобири вай ҷор
зада, гӯянд, ки «одамон ва ҳайвонот, говон ва гӯсфандон чизе
нахӯранд, ба чарогоҳ нараванд ва об нанӯшанд;
8 Ва одамон ва ҳайвонот палоспӯш шаванд, ва бошиддат сӯи Худо
бихонанд, ва ҳар кас аз роҳи бади худ ва аз зулми дастҳои худ тавба
кунад;+
9 Шояд, Худо руҷӯъ намуда, пушаймон шавад, ва аз ғазаби Худ
баргардад, ва мо ба ҳалокат нарасем»+.
10 Ва Худо аъмоли онҳоро дид, ки аз роҳи бади худ тавба кардаанд;
ва Худо аз он офате ки гуфта буд ба онҳо бирасонад, пушаймон шуд,
ва нарасонд+.

## Маҳзун шудани Юнус. Канадона — рамзи ғамхории хирадмандонаи Худо.

**4** [1] Юнус хеле маҳзун шуд, ва қаҳраш омад,
[2] Ва сӯи Худованд дуо кард ва гуфт: «Эй Худованд! Оё сухани
ман ҳамин набуд, вақте ки ҳанӯз дар диёри худ будам? Барои ҳамин
ҳам ба гурехтан ба Таршиш шитоб кардам, зеро медонистам, ки Ту
Худои бахшанда ва раҳим, собир ва пур аз эҳсон ҳастӣ, ва аз офат
пушаймон мешавӣ+.
[3] Ва акнун, эй Худованд, ҷони маро аз ман бигир, зеро ки
мурданам аз зистанам беҳтар аст»+.
[4] Ва Худованд гуфт: «Оё хуб аст, ки дар қаҳр шавӣ?»
[5] Ва Юнус аз шаҳр баромада, аз тарафи шарқии шаҳр нишаст, ва
дар он ҷо барои худ хаймае сохта, зери он дар соя нишаст, то
бубинад, ки дар шаҳр чӣ воқеа мешавад.
[6] Ва Худованд Худо канадонае рӯёнид, ва он ба болои Юнус қад
кашид, то ки бар сари ӯ соя афканда, ӯро аз маҳзунияш раҳо кунад; ва
Юнус аз канадона бисьёр шод шуд.
[7] Ва фардои он, ҳангоми тулӯи шафақи субҳ, Худо ба кирме
фармуд, ки канадонаро занад, ва он хушк шуд.
[8] Вақте ки офтоб баромад, Худо боди шарқии тафсоне вазонид, ва
офтоб сари Юнусро зад, ва ӯ беҳол шуд ва ба худ марг талабида, гуфт:
«Мурданам аз зистанам беҳтар аст».
[9] Ва Худо ба Юнус гуфт: «Оё хуб аст, ки барои канадона дар қаҳр
шавӣ?» Вай гуфт: «Хуб аст, ки то ба дараҷаи марг дар қаҳр шавам».
[10] Он гоҳ Худованд гуфт: «Ту канадонаро дареғ медорӣ, ки барои
он меҳнат накардаӣ ва онро нарӯёнидаӣ, ки он дар як шаб пайдо шуд
ва дар як шаб нобуд шуд:
[11] Ва оё Ман Нинверо — ин шаҳри бузургро — дареғ надорам, ки
дар он бештар аз дувоздаҳ бевар одамоне ки дасти росту чапи худро
наметавонанд фарқ кунанд, ва ҳайвоноти бисьёре низ ҳастанд?»

---

+ 1:1 4 Подш. 14:25

+ 1:2 Наҳум 1:1, Саф. 2:13

+ 1:3 3 Подш. 10:22, Иш. 23:1, Ех. 19:46

+ 1:4 Заб. 106:25

+ 1:5 Аъм. 27:18

+ 1:6 Юил 2:13-14, Ом. 7:3, Ом. 7:6, Юн. 3:9

+ 1:7 1 Подш. 14:41-42

+ 1:9 Заб. 94:5, Заб. 145:6

+ 1:14 Так. Шар. 21:8

+ 1:15 Заб. 64:8

+ 1:16 Иш. 19:21

+ 2:1 Мат. 12:40, Мат. 16:4

+ 2:3 Заб. 3:5, Заб. 17:7, Заб. 117:5

+ 2:4 Заб. 87:7, Айюб 22:11, Заб. 17:5, Заб. 41:7, Заб. 68:3

+ 2:6 Заб. 17:5

+ 2:8 Заб. 17:7

+ 2:9 Заб. 31:7

+ 2:10 Заб. 49:14, Заб. 3:9

+ 3:2 Юн. 1:1-2

+ 3:5 2 Вак. 20:3, Эзр. 8:21, Ирм. 36:9

+ 3:6 Айюб 2:8, Ҳиз. 27:30

+ 3:8 Ирм. 18:8-11, Ирм. 36:3

+ 3:9 2 Подш. 12:22, Юил 2:13-14, Ом. 7:3, Ом. 7:6, Юн. 1:6

+ 3:10 Хур. 32:14, 2 Подш. 24:16, Ирм. 18:8

+ 4:2 Хур. 34:6

+ 4:3 Ад. 11:15, 3 Подш. 19:4, Айюб 6:9

*КИТОБИ*

# МИКОИ НАБӢ

1 2 3 4 5 6 7

## Ҷино яти ҳар ду мамлакат боиси ғазаби Худо гардид.

1 [1] Каломи Худованд, ки бар Микои мӯраштӣ дар айёми Ютом,
Оҳоз ва Ҳизқиё, подшоҳони Яҳудо, нозил шуд, ва ӯ онро дар бораи
Сомария ва Ерусалим дар рӯъё дид+.
[2] Бишнавед, эй ҳамаи қавмҳо, гӯш андоз,
эй замин ва ҳар чи дар он аст!
Ва Худованд Худо ба муқобили шумо шоҳид бошад,
яъне Худованд аз қасри қудси Худ!+
[3] Зеро инак, Худованд аз макони Худ берун меояд,
ва фурӯд омада, бар баландиҳои замин қадамгузор мешавад+.
[4] Ва кӯҳҳо дар тахти Ӯ гудохта мешавад,
ва водиҳо мекафад, мисли мум пеши оташ,
мисли обе ки ба нишебӣ мерезад+.
[5] Ҳамаи ин аз боиси ҷинояти Яъқуб аст,
ва аз боиси гуноҳҳои хонадони Исроил.
Кист сабабгори ҷинояти Яъқуб? Оё Сомария нест?
Ва кист маркази бутпарастӣ дар Яҳудо? Оё Ерусалим нест?
[6] Ва Сомарияро ба харобазори саҳро,
ба макони токшинонӣ табдил хоҳам дод;
ва сангҳои онро ба дара андохта,
таҳкурсиҳои онро намоён хоҳам кард.
[7] Ва ҳамаи санамҳои он пора-пора хоҳад шуд,
ва ҳамаи муздҳои зинои он ба оташ хоҳад сӯхт;
ва ҳамаи бутҳои онро валангор хоҳам кард,
зеро ки онҳоро аз музди зино ҷамъ овардааст,
ва онҳо ба музди зино хоҳад баргашт+.
[8] Дар ин бора навҳаю вовайло хоҳам кард,
маҷнунвор ва урьён роҳ хоҳам рафт,
мисли шағолҳо нула хоҳам кашид,
ва мисли шутурмурғҳо оҳу воҳ хоҳам кард+.
[9] Зеро ки шикасти он илоҷнопазир аст,
чунки то Яҳудо омада, ба дарвозаи қавми ман,
ба Ерусалим расидааст+.
[10] Дар Ҷат хабар надиҳед, сахт гирья накунед;
дар хонаи Афра худро ба хок биғелон+.

11 Бо аврати бараҳна гузар кун, эй сокинаи Шофир;
сокинаи Саанон берун намеояд;
дар Байт-Эсел навҳагарист; барои ӯрду заданаш аз шумо макон мегирад.
12 Зеро ки сокинаи Морут аз барои дороии худ дар андӯҳ меафтад,
чунки мусибате аз ҷониби Худованд ба дарвозаи Ерусалим фурӯд омадааст+.
13 Аспи давандро ба ароба бибанд, эй сокинаи Локиш;
вай ибтидои гуноҳи духтари Сион буд,
зеро ки ҷиноятҳои Исроил дар ту ёфт шудааст+.
14 Бинобар ин ту ҷиҳозе ба Мӯрашти Ҷат хоҳӣ дод;
хонаҳои Акзиб чашмаи яъсовар барои подшоҳони Исроил хоҳад буд+.
15 Боз ворисе назди ту хоҳам овард, эй сокинаи Морешо;
ҷалоли Исроил то Адулом хоҳад омад+.
16 Барои писарони нозпарварди худ мӯи саратро битарош ва бикан;
бемӯии саратро мисли уқоб васеътар бикун,
чунки онҳо аз пеши ту ба асирӣ хоҳанд рафт+.

## Худованд ба Исроил зид шудааст.

1 Вой ба ҳоли онҳое ки бар бистарҳои худ хабосат меандешанд ва ниятҳои бад доранд,
ва ҳамин ки рӯшноии саҳарӣ фаро расад, онро ба амал меоваранд,
чунки кувват дар дасти онҳост+.
2 Ва чун саҳроҳоро тамаъ кунанд, — зер карда мегиранд,
ва хонаҳоро тамаъ кунанд, — бо зӯрӣ тасарруф менамоянд;
ва дар ҳаққи марде ва хонаи вай,
ва шахсе ва мероси вай ситам мекунанд+.
3 Бинобар ин Худованд чунин мегӯяд:
«Инак, Ман бар зидди ин қабила мусибате меандешам,
ки шумо гардани худро аз он натавонед берун овард,
ва қомат рост карда мағрурона роҳ нахоҳед рафт,
зеро ки ин замони мусибат аст.
4 Дар он рӯз дар ҳаққи шумо масале ба забон хоҳанд ронд,
ва зор-зор гириста навҳа хоҳанд кард,
ва хоҳанд гуфт: „Мо тамоман тороҷ гардидаем;
насибаи қавми ман бадал шудааст.
Чӣ гуна маро аз он дур мекунад?!
Саҳроҳои моро ба шарирон тақсим карда медиҳад“.
5 Бинобар ин барои ту касе нахоҳад буд,
ки дар ҷамоати Худованд қуръа барои андоза кардан партояд.
6 „Нубувват накунед!“ Нубувват мекунанд:
„Ба инҳо нубувват накунанд, расвоиҳо дур нахоҳад шуд“+.
7 Эй, ки номат хонадони Яъқуб аст!
Оё Рӯҳи Худованд ношикеб гардидааст?
Оё инҳо аъмоли Ӯст? Суханони Ман, охир,
ба ҳар касе ки бо роҳи рост равон аст,
некӣ меоварад.
8 Ва онҳое ки дирӯз қавми Ман ба шумор мерафтанд,
алҳол ҳамчун душман қиём кардаанд;
шумо аз китфи роҳгузаре курта ва ҷомаро кашида мегиред;
касонеро, ки оромона мегузаранд, тавре ба қалам медиҳед,
ки гӯё аз ҷанг гашта омада бошанд.
9 Занони қавми Маро аз хонаҳои дилписандашон бадар меронед;

аз кӯдакони онҳо зинати Маро ба сурати абадӣ мегиред.
10 Бархезед ва биравед, зеро ки ин ҷо оромгоҳи шумо нест;
ба сабаби палид шуданаш он шуморо ба ҳалокат хоҳад расонид,
ва ин ҳалокати сахте хохад буд+.
11 Агар шахси бодии дурӯғгӯе козибона мегуфт:
„Барои ту дар бораи шароб ва арақ нубувват хоҳам кард“, —
вай набии дилхоҳе барои ин қавм мебуд.

## Ваъда ба бақия.

12 Тамоми туро, эй Яъқуб, ҷамъ хоҳам кард,
бақияи Исроилро фароҳам хоҳам овард,
онҳоро мисли гӯсфандони дохили қӯра якҷоя хоҳам гузошт;
онҳо мисли рамае ки андаруни чарогоҳаш бошад,
аз бисьёрии одамон ғалоғула хоҳанд бардошт.
13 Рахнакунанда пешопеши онҳо баромад;
онҳо низ рахна карда, гузаштанд, дарвозаро рахна карда, аз он берун омаданд;
ва подшоҳашон пешопеши онҳо гузашта рафт,
ва Худованд — дар сари онҳо»+.

## Доварии оянда бар сарварони қавм.

[1] Ва ман гуфтам: бишнавед,
эй сарварони Яъқуб ва доварони хонадони Исроил!
Шумо, охир, вазифадор ҳастед, ки адлу инсофро бидонед+.
[2] Аммо шумо аз некӣ нафрат мекунед ва бадиро дӯст медоред;
пӯсти онҳоро аз баданашон
ва гӯшти онҳоро аз устухонҳошон меканед.
[3] Ҳамон касоне ҳастед, ки гӯшти қавми Маро хӯрдаанд,
ва пӯсти онҳоро аз баданашон кандаанд,
ва устухонҳои онҳоро шикастаанд,
ва гӯё ки ба дег меандохта бошанд,
яъне мисли гӯште ки андаруни потила мепазанд, порапора
кардаанд+.
[4] Он гоҳ сӯи Худованд истиғоса хоҳанд бурд,
вале Ӯ онҳоро иҷобат нахоҳад кард,
ва рӯи Худро дар он замон аз онҳо хоҳад пӯшонид,
чунки ба аъмоли бад дода шудаанд+.
[5] Худованд дар бораи анбиёе ки қавми маро дар иштибоҳ меандозанд,
яъне вақте ки бо дандонҳои худ чизе мехоянд, —
сулҳу осоиштагиро мехонанд,
вале вақте ки касе ба даҳони онҳо чизе намегузорад, —
бар зидди вай ҷанг эълон мекунанд, чунин мегӯяд:+
[6] «Бинобар ин шаб барои шумо ба ҷои рӯъё,
ва торикӣ барои шумо ба ҷои фолгирӣ хоҳад буд;
ва офтоб бар анбиё ғуруб хоҳад кард,
ва рӯз барояшон торик хоҳад шуд+.
[7] Ва пешгӯйҳо расво, ва фолгирҳо хиҷил гардида,
ҳамаашон ришу мӯйлаби худро хоҳанд пӯшонид,
чунки аз ҷониби Худованд ҷавобе нахоҳад буд»+.
[8] Валекин ман ба воситаи Рӯҳи Худованд аз қувват
ва инсоф ва мардонагӣ пур шудаам,
то ки ба Яъқуб дар бораи ҷинояташ
ва ба Исроил дар бораи гуноҳаш сухан ронам+.
[9] Пас инро бишнавед, эй сарварони хонадони Яъқуб
ва эй доварони хонадони Исроил,

ки аз инсоф нафрат доред
ва ҳар чизи ростро каҷ мекунед,
10 Сионро бо хун ва Ерусалимро
бо ноинсофӣ бино мекунед!+
11 Сарваронаш ба бадали ришва доварӣ менамоянд,
ва коҳинонаш ба бадали музд таълим медиҳанд,
ва анбиёяш ба бадали нуқра фол мегиранд,
ва ба Худованд таваккал намуда, мегӯянд:
«Худованд, охир, андаруни мост, —
мусибате бар мо нахоҳад омад!»+
12 Бинобар ин, аз боиси шумо,
Сион мисли саҳро шудгор хоҳад шуд,
ва Ерусалим ба харобазор,
ва кӯҳи Хона ба баландиҳои ҷангалзор мубаддал хоҳад гардид+.

## Малакутиояндаи Масеҳ:

## а) ҳамаро фаро мегирад, яъне умумиҷаҳонист.

1 •Ва дар айёми охир чунин воқеъ хоҳад шуд,
ки кӯҳи хонаи Худованд бар сари кӯҳҳо барқарор хоҳад гардид,
ва аз пуштаҳо баланд хоҳад шуд,
ва қавмҳо сӯи он равона хоҳанд шуд.
2 Ва халқҳои бисьёр роҳсипор шуда, хоҳанд гуфт:
«Биёед, ба кӯҳи Худованд,
ва ба хонаи Худои Яъқуб бароем,
то ки Ӯ тариқҳои Худро ба мо таълим диҳад,
ва мо бо роҳҳои Ӯ равона шавем».
Зеро ки шариат аз Сион,
ва каломи Худованд аз Ерусалим хоҳад баромад+.

## б) бар сулҳу осоиштагӣ асос меёбад.

3 Ва Ӯ дар миёни қавмҳои бисьёр доварӣ хоҳад кард,
ва ихтилофоти байни халқҳои азимро то ақсои дурдаст ҳал хоҳад намуд;
ва онҳо шамшерҳои худро барои позаҳо,
ва найзаҳои худро барои досколаҳо хоҳанд шикаст;
ва халқе бар халқе шамшер нахоҳад кашид,
ва ҷангро дигар таълим нахоҳанд гирифт+.

## в) ба хама осудаҳолиро ваъда мекунад.

4 Ва ҳар яке зери токи худ
ва зери дарахти анҷири худ хоҳанд нишаст,
ва касе онҳоро нахоҳад тарсонид,
зеро ки даҳони Худованди лашкарҳо инро гуфтааст+.
5 Зеро ки ҳамаи қавмҳо ҳар яке ба исми худои худ равона мешаванд,
вале мо ба исми Худованд Худои худ то абад равона хоҳем шуд+.

## г) Исроил муттаҳид мешавад.

6 «Дар он рӯз, мегӯяд Худованд,
лангонро ҷамъ хоҳам кард,
ва рондашудагонро фароҳам хоҳам овард,

ва онҳоеро низ, ки ба сарашон мусибат овардаам+.
[7] Ва лангонро бақия, ва дуршудагонро халқи азим хоҳам гардонид;
ва Худованд дар кӯҳи Сион бар онҳо аз ҳоло то абад подшоҳӣ хоҳад кард».
[8] Ва ту, эй бурҷи рама, эй пуштаи духтари Сион!
Салтанати аввала назди ту хоҳад баргашт,
ва подшоҳӣ аз они духтари Ерусалим хоҳад шуд.

## Таъхири он ба сабаби асирии Бобил.

[9] Пас чаро ту ҳоло чунин фарьёд мезанӣ?
Оё дар ту подшоҳ нест?
Оё машваратчии ту нобуд шудааст,
ки дард туро мисли зане ки мезояд, фаро гирифтааст+?
[10] Аз дард мисли зане ки мезояд,
азият каш ва печутоб хӯр, эй духтари Сион,
зеро ки алҳол аз шаҳр берун рафта, дар саҳро сокин хоҳӣ шуд,
ва ба Бобил омада, дар он ҷо раҳоӣ хоҳӣ ёфт:
дар он ҷо Худованд туро аз дасти душманонат халосӣ хоҳад дод+.
[11] Ва алҳол халқҳои бисьёр бар зидди ту ҷамъ омада,
мегӯянд: «Сион палид хоҳад шуд,
ва чашмони мо инро хоҳад дид!»
[12] Вале онҳо фикрҳои Худовандро намедонанд,
ва рои Ӯро намефаҳманд,
зеро ки Ӯ онҳоро мисли бандҳо дар хирмангоҳ ҷамъ кардааст+.
[13] Бархез ва поймол кун, эй духтари Сион!
Зеро ки Ман шохатро оҳанин,
ва сумҳоятро мисин хоҳам гардонид,
ва ту қавмҳои бисьёрро торумор хоҳӣ кард,
ва ғанимати онҳоро барои Худованд,
ва сарвати онҳоро барои Молики тамоми замин вақф хоҳӣ кард+.

## Подшоҳи таваллудьёфта рад гардид.

1 Алҳол дар фавҷҳо саф бибанд, эй духтари қӯшун!
Моро муҳосира кардаанд;
бари рӯи довари Исроилро бо асо хоҳанд зад.
2 ва ту, эй Байт-Лаҳми Эфрот,
ки дар миёни хонаводаҳои Яхудо аз ҳама ҷавонтарӣ!
Аз ту барои Ман Ҳокиме дар Исроил хоҳад баромад,
ва баромади Ӯ аз қадим, аз айёми азал аст+.
3 Бинобар ин Ӯ онҳоро то вақте ки зани ҳомила бизояд,
таслим хоҳад кард;
ва бақияи бародаронаш бо банӣ-Исроил хоҳанд баргашт.

## Малакути оянддаи Худо.

4 Ва Ӯ хоҳад истод ва бо қудрати Худованд,
бо кибриёи исми Худованд Худои Худ хоҳад чаронид,
ва онҳо сокин хоҳанд шуд,
зеро ки алҳол Ӯ то ақсои замин бузург хоҳад шуд+.
5 Ва ин сулҳу осоиштагӣ хоҳад буд.
Вақте ки Ашшур ба замини мо омада,
қасрҳои моро поймол кунад, ҳафт чӯпон ва ҳашт ҳокими қавмро бар зидди вай хоҳем бархезонид+.
6 Ва онҳо замини Ашшурро бо шамшер хоҳанд чаронид,
ва замини Нимрӯдро — андаруни дарвозаҳои он;
ва Ӯ аз Ашшур раҳоӣ хоҳад дод, вақте ки вай ба замини мо омада, ҳудуди моро поймол кунад.
7 Ва бақияи Яъқуб дар миёни қавмҳои бисьёр
мисли шабнаме аз ҷониби Худованд,
мисли борони фаровон бар алаф хоҳад буд,
ва ба касе умедвор нахоҳад шуд,
ва ба банӣ-одам таваккал нахоҳад кард.
8 Ва бақияи Яъқуб дар миёни халқҳо,
андаруни қавмҳои бисьёр мисли шере дар миёни ҳайвоноти ҷангал,
мисли шери ҷавоне андаруни рамаҳои гӯсфандон хоҳад буд,
ки он, агар бигзарад, поймол карда медарад,
ва касе нест, ки раҳоӣ диҳад.

9 Дасти ту бар душманонат боло хоҳад шуд,
ва ҳамаи адуёнат маҳв хоҳанд гардид.
10 «Ва дар он рӯз чунин воқеъ хоҳад шуд, мегӯяд Худованд,
ки аспони туро аз андарунат маҳв,
ва аробаҳои туро нест хоҳам кард;+
11 Ва шаҳрҳои мамлакати туро маҳв,
ва ҳамаи қалъаҳои туро валангор хоҳам кард;+
12 Ва ҷодуҳоро аз дасти ту маҳв хоҳам кард,
ва онҳое ки аз рӯи намуди абрҳо фол мегиранд, дигар дар ту нахоҳанд буд;+
13 Ва санамҳо ва сутунҳои туро аз андаруни ту маҳв хоҳам кард;
ва дигар ба амали дастҳои худ саҷда нахоҳӣ кард;+
14 Ва бутҳои Ашераи туро аз андаруни ту барҳам хоҳам дод,
ва шаҳрҳои туро нест хоҳам кард+.
15 Ва бо хашм ва ғазаб аз халқҳое ки намешунаванд,
интиқом хоҳам гирифт».

## Мубоҳиса дар миёни Худо ва қавм: пештар ва алҳол.

[1] Он чи Худованд мегӯяд, бишнавед:
«Бархез, назди кӯҳҳо мубоҳиса намо,
ва бигзор пуштаҳо овози туро бишнаванд».
[2] Худовандро бишнавед, эй кӯҳҳо,
ва шумо, эй асосҳои матини замин,
зеро ки Худованд бо қавми Худ талош дорад,
ва бо Исроил мубоҳиса хоҳад кард+.
[3] «Эй қавми Ман! Ба ту чӣ кардаам ва бар ту чӣ гароние овардаам?
Ба зидди Ман шаҳодат бидеҳ+.
[4] Ман туро, охир, аз замини Миср баровардам,
ва туро аз хонаи бандагӣ фидия дода гирифтам,
ва пешопеши ту Мусо, Ҳорун ва Марьямро фиристодам+.
[5] Эй қавми Ман, ба ёд овар,
ки Болоқ подшоҳи Мӯоб чӣ машварате дод,
ва Билъом ибни Баӯр ба вай чӣ ҷавобе дод,
ва аз Шиттим то Ҷилҷол чиҳо ба вуқӯъ омад,
то ки марҳаматҳои Худовандро бидонӣ»+.
[6] «Бо чӣ чиз ба ҳузури Худованд биёям
ва пеши Худои Таоло таъзим намоям?
Оё бо қурбониҳои сӯхтанӣ,
бо гӯсолаҳои яксола ба ҳузури Ӯ биёям+?
[7] Оё Худованд аз ҳазорҳо қӯчқор
ва аз беварҳо наҳри равған розӣ хоҳад шуд?
Оё писари нахустзодаи худро барои ҷиноятам,
ва самари батни худро барои гуноҳи ҷонам бидиҳам?»+
[8] Ба ту, эй одамизод, гуфта шудааст, ки чӣ чиз некӯст,
ва Худованд аз ту чӣ чизро талаб мекунад,
яъне фақат инро, ки аз рӯи инсоф амал намоӣ,
ва марҳаматро дӯст дорӣ, ва дар ҳузури Худои худ бо фурӯтанӣ роҳ равӣ+.
[9] Овози Худованд ба шаҳр нидо медиҳад,
ва соҳибҳикмат исми Туро мӯҳтарам медорад:
«Бишнавед, ки чӣ гуна асои мазаммат муҳайёст,
ва кӣ онро таъин намудааст.

10 Оё ҳанӯз дар хонаи шарир ганҷҳои шарорат
ва эфаи ноқиси нафратангез мавҷуд нест+?
11 Оё бо тарозуи нодуруст ва бо халтаи сангҳои
фиребгарона сафед шудани кас мумкин аст+?
12 Азбаски сарватдоронаш пур аз ситам мебошанд,
ва сокинонаш дурӯғгӯӣ мекунанд,
ва забонашон дар даҳонашон аз фиреб иборат аст,+
13 Ман низ туро зарбаи ҳалокатовар зада,
барои гуноҳҳоят валангор хоҳам кард.
14 Ту хоҳӣ хӯрд, вале сер нахоҳӣ шуд,
ва гуруснагии ту андаруни ту хоҳад монд;
ва пинҳон хоҳӣ сохт, вале халос нахоҳӣ кард,
ва он чиро, ки халос кунӣ,
Ман ба шамшер хоҳам супурд+.
15 Ту кишт хоҳӣ кард, вале нахоҳӣ даравид;
ту зайтунро пахш хоҳӣ кард,
вале ба баданат равған нахоҳӣ молид,
ва ширази ангур ҳосил хоҳӣ кард, вале шароб нахоҳӣ нӯшид+.
16 Ва фароизи Омрӣ ва тамоми аъмоли хонадони Аҳъоб нигоҳ дошта мешавад,
ва шумо бар тибқи машваратҳои онҳо рафтор мекунед,
то ки туро ба харобӣ,
ва сокинонашро ба истеҳзо гирифтор намоям,
ва нанги қавми Маро шумо хоҳед бардошт»+.

## Камшумории порсоён. Ваъдаи марҳамати Худо.

1 Вой ба ҳоли ман!
Зеро ки мисли анҷоми ғунучини меваҳои тобистон,
мисли чидани шингилҳои охирини ангур гардидаам:
на шингиле барои хӯрдан ҳаст, на навбари анҷир,
ки ҷонам иштиёқманди он аст+.
2 Порсо аз замин талаф шудааст,
ва росткоре дар миёни одамон нест;
ҳама барои хунрезӣ камин мегиранд,
якдигарро ба дом медароранд+.
3 Ҳар ду дасташонро ба бадӣ кардан нағз одат кунонидаанд:
сарвар ришва металабад,
ва довар ба бадали музд амал мекунад,
ва шахси олиҷоҳ иштиёқи нафси худро баён менамояд,
ва ҳама каҷкорӣ мекунанд+.
4 Беҳтарини онҳо мисли хор нешдор аст,
росткори онҳо аз хорбаст бадтар;
рӯзи дидбонони ту, яъне ҷазои ту фаро мерасад;
акнун изтироби онҳо пурзӯр хоҳад шуд+.
5 Ба ёр имон наоваред, ба дӯст таваккал накунед;
дари даҳонатро аз ҳамхобаи худ нигоҳдорӣ намо+.
6 Зеро ки писар падарро таҳқир мекунад,
духтар ба зидди модари худ,
келин ба зидди модаршӯи худ қиём менамояд:
душманони шахс аҳли байти ӯ мебошанд+.

## Овози бақияи қавм дар рӯзҳои охир.

7 Вале ман ба Худованд интизорӣ мекашам,
ба Худои наҷоти худ таваккал мекунам:
Худои ман маро иҷобат хоҳад намуд+.
8 Ба аҳволи ман шодӣ накун, эй душмани ман!
Зеро, агарчи фурӯ ғалтидаам, хоҳам бархост;
зеро, агарчи дар торикӣ нишастаам, Худованд нур аст барои ман+.
9 Ғазаби Худовандро хоҳам бардошт,
зеро ки пеши Ӯ гуноҳ кардаам;

то даме ки Ӯ доди маро бигирад ва доварии маро ба амал оварад,
маро ба рӯшноӣ хоҳад баровард,
ва ман адолати Ӯро хоҳам дид+.
10 Ва душманам инро хоҳад дид,
ва ӯро хиҷолат фаро хоҳад гирифт,
ки ӯ ба ман мегӯяд: «Худованд Худои ту куҷост?»
Чашмони ман ӯро хоҳад дид,
вақте ки ӯ мисли лои кӯчаҳо поймол гардад+.
11 Рӯзи бино кардани деворҳоят, —
он рӯз ҳанӯз бағоят дур аст.
12 Дар он рӯз аз Ашшур ва аз шаҳрҳои Миср,
ва аз Миср то наҳри Фурот, ва аз баҳр то баҳр,
ва аз кӯҳ то кӯҳ назди ту хоҳанд омад+.
13 Ва он замин бо сокинонаш, дар натиҷаи аъмолашон,
ба харобазор табдил хоҳад ёфт.
14 Қавми Худро бо асои Худ чӯпонӣ намо,
яъне гӯсфандони мероси Худро,
ки дар ҷангале андаруни Кармил ба танҳоӣ сокин мебошанд;
бигзор онҳо мисли айёми қадим дар Бошон ва Ҷилъод бичаранд+.
15 «Мисли айёме ки аз Миср берун омадӣ,
корҳои аҷоибе ба вай нишон хоҳам дод»+.
16 Халқҳо инро дида,
аз тамоми тавоноии худ хиҷил хоҳанд шуд;
даст бар даҳон хоҳанд гузошт, ва гӯшҳошон кар хоҳад шуд;+
17 Мисли мор хокро хоҳанд лесид,
мисли хазандагони замин аз истеҳкомоти худ бо ларза берун хоҳанд омад;
сӯи Худованд Худои мо бо ҳарос хоҳанд омад,
ва аз Ту хоҳанд тарсид+.
18 Кист Худое мисли Ту, ки гуноҳро омурзад
ва аз ҷинояти бақияи мероси Худ гузароӣ кунад?
Ӯ ғазаби Худро то абад нигоҳ намедорад,
зеро ки марҳаматро дӯст медорад+.
19 Ӯ боз ба мо раҳм хоҳад кард,
маъсиятҳои моро поймол хоҳад намуд.
Ва Ту ҳамаи гуноҳҳои моро дар қаъри баҳр хоҳӣ андохт;+

[20] Садоқатро ба Яъқуб,
ва марҳаматро ба Иброҳим зоҳир хоҳӣ намуд,
чунон ки аз айёми қадим ба падарони мо қасам хӯрдаӣ+.

---

+ 1:1 4 Подш. 16:1, 4 Подш. 18:1, Иш. 1:1, Ҳуш. 1:1, Иш. 7:9, Ирм. 23:13-14

+ 1:2 3 Подш. 22:28, Заб. 48:2, Иш. 34:1, Заб. 10:4, Юн. 2:8, Ҳаб. 2:20

+ 1:3 Иш. 26:21, Ом. 4:13

+ 1:4 Заб. 96:5

+ 1:7 1 Подш. 5:4, Ҳуш. 2:12, Ҳуш. 9:1

+ 1:8 Иш. 22:4, Ирм. 9:1, Иш. 20:2, Айюб 30:29, Иш. 13:21, Иш. 34:13, Ирм. 50:39

+ 1:9 Ҳуш. 5:13, Наҳум 3:19

+ 1:10 2 Подш. 1:20

+ 1:12 Ом. 3:6

+ 1:13 4 Подш. 18:14

+ 1:14 Еҳ. 15:44

+ 1:15 1 Подш. 22:1

+ 1:16 Иш. 22:12

+ 2:1 Заб. 35:5, Мик. 2:1

+ 2:2 Иш. 5:8

+ 2:6 Иш. 30:10, Ирм. 11:21, Ом. 2:12

+ 2:10 Иб. 18:25

+ 2:13 Иш. 52:12

+ 3:1 Заб. 81:2-4

+ 3:3 Заб. 13:4, Ҳиз. 34:3

+ 3:4 1 Подш. 8:18, Мас. 1:28, Иш. 1:15, Ирм. 11:11

+ 3:5 Ирм. 23:32, Ирм. 6:14, Ирм. 8:11, Ҳиз. 13:10

+ 3:6 Ҳиз. 12:24, Ҳиз. 13:23, Ом. 8:9

+ 3:7 Зак. 13:4

+ 3:8 Иш. 58:1, Мик. 1:5

+ 3:10 Ҳиз. 22:27, Ҳаб. 2:12

+ 3:11 Иш. 1:23, Ирм. 6:13, Иш. 48:1, Ирм. 7:4

+ 3:12 Заб. 128:3, Ирм. 26:18

● 4:1 *Иш. 2:2-4*

+ 4:2 Иш. 56:7, Иш. 60:3, Иш. 66:20, Мал. 1:11, Иш. 27:13, Ирм. 31:6, Зак. 8:20-22

+ 4:3 Юил 3:10, Ҳиз. 39:9, Ҳуш. 2:18, Зак. 9:10

+ 4:4 3 Подш. 4:25, Иб. 26:6, Ирм. 30:10, Ирм. 46:27, Ҳиз. 39:26

+ 4:5 Аъм. 14:16

+ 4:6 Саф. 3:19

+ 4:9 Ирм. 8:19, Иш. 13:8, Ирм. 6:24, Ирм. 50:43

+ 4:10 Иш. 39:6

+ 4:12 Иш. 10:7

+ 4:13 3 Подш. 22:11, Еҳ. 3:11, Заб. 96:5, Зак. 4:14, Зак. 6:5

+ 5:2 1 Вақ. 5:2, Мат. 2:6, Юҳ. 7:42

+ 5:4 Иш. 40:11, Саф. 3:13, Заб. 71:8

+ 5:5 Иш. 9:6, Иш. 26:12

+ 5:10 Ҳаҷ. 2:22, Зак. 9:10

+ 5:11 Иш. 17:9, Иш. 27:10

+ 5:12 Так. Шар. 18:10

+ 5:13 Иш. 17:8, Зак. 13:2

+ 5:14 Хур. 34:13, Так. Шар. 16:21

+ 6:2 Ҳиз. 36:4, Иш. 3:14, Ҳуш. 4:1

+ 6:3 Иш. 43:22

+ 6:4 Хур. 12:51, Хур. 15:20, Ад. 12:2

+ 6:5 Ад. 22:5-6, Ад. 23:7-10, Дов. 11:25

+ 6:6 1 Подш. 15:22

+ 6:7 Хур. 13:2, 4 Подш. 3:27

+ 6:8 Так. Шар. 10:12, Иш. 1:17, Ирм. 21:12, Зак. 7:9-10, Ибр. 13:16

+ 6:10 Ом. 3:10, Ом. 8:5

+ 6:11 Иб. 19:35-36, Ҳуш. 12:7

+ 6:12 Ом. 3:10, Ирм. 9:8

+ 6:14 Иб. 26:26, Ҳуш. 4:10, Ҳач. 1:6

+ 6:15 Иб. 26:16, Так. Шар. 28:38-40, Ом. 5:11, Саф. 1:13, Ҳач. 1:6

+ 6:16 3 Подш. 16:25-33, Заб. 43:14, Заб. 78:4, Дон. 9:16

+ 7:1 Иш. 24:13, Ирм. 24:1, Ҳуш. 9:10, Ом. 8:1-2, Марқ. 11:13

+ 7:2 Заб. 11:1, Заб. 13:1-3, Заб. 9:29-30

+ 7:3 Мас. 17:23, Иш. 1:23

+ 7:4 Ҳиз. 2:6

+ 7:5 Ирм. 9:4

+ 7:6 Мат. 10:35-36, Луқ. 12:53

+ 7:7 Нав. 3:25, Нав. 3:26

+ 7:8 Уб. 1:12, Мик. 4:11, Заб. 36:24, Мас. 24:16-18, Заб. 26:1, Заб. 111:4

+ 7:9 Иш. 58:8

+ 7:10 Заб. 41:4, Заб. 78:10, Заб. 113:10, Юил 2:17, 2 Подш. 22:43, Заб. 17:42, Зак. 10:5

+ 7:12 Иш. 11:11-12, Иш. 43:5, Ҳуш. 11:11, Зак. 8:7, Зак. 10:10

+ 7:14 Заб. 22:4, Ирм. 50:19

+ 7:15 Заб. 77:12, Иш. 11:16

+ 7:16 Иш. 26:11, Айюб 21:5, Мас. 30:32

+ 7:17 Ҳас. 3:14, Заб. 71:9, Иш. 49:23, 2 Подш. 22:46, Заб. 17:46

+ 7:18 Хур. 15:11, Заб. 102:9, Хур. 34:6-7

+ 7:19 Иш. 38:17

+ 7:20 Ҳас. 17:2, Ҳас. 26:3, Заб. 104:9

*КИТОБИ*

# НАҲУМИ НАБӢ

1 2 3

## Худованд қуддус аст.

1 Ваҳй дар бораи Нинве; китоби рӯъёи Наҳуми алкӯшӣ+.
2 Худованд Худои ғаюр ва интиқомгир аст;
Худованд интиқомгир ва пурхашм аст;
Худованд аз адуёнаш интиқом мегирад,
ва хашми Худро барои душманонаш нигоҳ медорад+.
3 Худованд пурсабр ва бузургқувват аст,
ва беҷазо намегузорад;
роҳи Худованд дар тундбод ва тӯфон аст,
ва абрҳо ғубори пои Ӯст+.
4 Бар баҳр итоб менамояд, ва онро хушк мекунад,
ва ҳамаи наҳрҳоро хушконидааст;
Бошон ва Кармил пажмурда гаштааст,
ва гули Лубнон пажмурда гаштааст+.
5 Кӯҳҳо аз Ӯ ба ларза омадааст,
ва пуштаҳо гудохта шудааст;
ва замин аз ҳузури Ӯ ҷунбиш кардааст,
ва ҷаҳон ва ҳамаи сокинони он низ+.
6 Пеши ғазаби Ӯ кист, ки тавонад истодагӣ кунад?
Ва кист, ки ба хашми Ӯ тавонад тоб оварад?
Қаҳри Ӯ мисли оташ забона мезанад,
ва сахраҳо аз шиддати он пора-пора мешавад+.
7 Худованд некӯст — дар рӯзи мусибат паноҳгоҳи мустаҳкам аст,
ва паноҳбарони Худро мешиносад+.
8 Ва бо селоби шадиде Ӯ макони онро* тамоман ба ҳалокат хоҳад расонид,
ва торикӣ душманони Ӯро таъқиб хоҳад кард+.
9 Дар бораи Худованд шумо чӣ андеша доред?
Ӯ тамоман ба ҳалокат хоҳад расонид,
ва мусибат бори дигар ба миён нахоҳад омад.
10 Зеро, азбаски мисли хорҳо ба ҳам печидаанд
ва мисли майзадагон масту мадҳуш шудаанд,
онҳо мисли коҳи хушк комилан хоҳанд сӯхт+.
11 Машваратчии шарире
ки дар бораи Худованд андешаи бад дорад,

аз ту берун омадааст.
12 Худованд чунин мегӯяд:
«Ҳарчанд онҳо пурзӯр ва сершумор бошанд ҳам,
вале шикаст хӯрда, аз назар ғоиб хоҳанд шуд;
ва туро, эй Яҳудо, ки ба азият дучор намудаам,
дигар азият нахоҳам дод.
13 Ва алҳол юғи варо аз гардани ту хоҳам шикаст,
ва бандҳои туро хоҳам барканд»+.
14 Ва дар бораи ту* Худованд амр фармудааст:
«Насле бо номи ту дигар нахоҳад буд;
аз хонаи худоёнат санам ва бутро маҳв хоҳам кард,
қабри туро дар он ҷо хоҳам сохт,
зеро ки ту разил будӣ»+.

## Башорати оянда.

15 Инак, бар кӯҳҳо пойҳои башоратдиҳандае
ки аз сулҳу осоиштагӣ хабар медиҳад:
идҳои худро, эй Яҳудо, ид намо,
назрҳои худро ба ҷо биёр,
зеро ки шарир дигар аз ту қадамгузор нахоҳад шуд:
вай саросар маҳв гардидааст+.

## Хароб шудани Нинве; ҳарбу зарб дар кӯчаҳояш.

1 Харобкунанда ба муқобили ту баромадааст:
ҳисорро муҳофизат намо, роҳро посбонӣ бикун,
камарро маҳкам бибанд, қуввати зиёде фароҳам овар.
2 Зеро ки Худованд шавкати Яъқубро
мисли шавкати Исроил аз нав барқарор месозад,
чунки тороҷгарон онҳоро тороҷ намуда,
навдаҳошонро несту нобуд кардаанд+.
3 Сипари паҳлавонони вай суп-сурх аст,
ҷанговарони вай либоси арғувонӣ пӯшидаанд;
пӯлоди аробаҳояш дар рӯзи тайёрии вай
мисли оташ барқ мезанад,
ва найзаҳои вай дар ҷавлон аст+.
4 Аробаҳо дар кӯчаҳо девонавор медавад,
дар майдонҳо гулдур-гулдур мекунад;
намуди онҳо мисли машъалҳост,
мисли барқҳо ялт-ялт мекунад.
5 Вай зӯроваронашро ҷеғ мезанад,
лекин онҳо дар вақти роҳ рафтан пешпо мехӯранд;
онҳо сӯи ҳисор мешитобанд,
вале сақфи муҳофизат аллакай тайёр шудааст+.
6 Дарвозаҳои наҳрҳо кушода шуд,
ва қаср ба ҳарос афтод+.
7 Ва малика бараҳна карда, ба асирӣ бурда шуд,
ва канизонаш синазанон,
мисли садои кабӯтарон оҳу воҳ мекунанд+.
8 Ва Нинве аз аввали мавҷудияташ мисли ҳавзи пур аз об буд,
ва ҳоло онҳо рӯ ба гурез овардаанд. «Биистед, биистед!»
Валекин ҳеҷ кас ба ақибаш нигоҳ намекунад.
9 Нуқраро тороҷ кунед, тиллоро тороҷ кунед!
Захираҳои ҳар навъ колои гаронбаҳо интиҳое надорад.
10 Вай тороҷ, валангор ва хароб гардидааст,
ва дилаш ҳаросон ва зонуҳояш ларзон шудааст,
ва ҳамаи камарҳоро ларза гирифтааст,
ва ранги рӯи ҳама паридааст+.

11 Куҷост он макони шерон, ва он чарогоҳи шерони ҷавон,
ки шери нар ва шери мода бо шербача дар он ҷо гаштугузор
мекарданд,
ва касе набуд, ки онҳоро безобита кунад+?
12 Шери нар басо барои шербачаҳои худ медарид,
ва барои шерҳои модаи худ буғӣ менамуд,
ва мағораҳои худро аз сайд,
ва лонаҳои худро аз нахҷир пур мекард+.
13 «Инак Ман, мегӯяд Худованди лашкарҳо, ба ту зид ҳастам, ва
аробаҳои туро дар дуд хоҳам сӯзонид, ва шамшер шерҳои ҷавони
туро талаф хоҳад кард, ва шикори туро аз замин маҳв хоҳам сохт, ва
овози элчиёнат дигар шунида нахоҳад шуд»+.

## Ҳар он чи кишт кунӣ — онро хоҳӣ даравид.

1 Вой ба ҳоли шаҳри хунхор! Сар то сари он пур аз макр ва ситам аст,
ва тороҷ аз он дур намешавад+.
2 Садои тозиёнаҳо, ва овози гулдурроси чархҳо,
ва аспони даванда, ва аробаҳои чархзананда ба гӯш мерасад.
3 Саворон бо шиддат асп меронанд,
ва ялт-ялти шамшерҳо, ва барқзании найзаҳо,
ва анбӯҳи кушташудагон, ва тӯда-тӯда ҷасадҳои мурда ба назар мерасад, ва ҷасадҳо интиҳое надорад,
ва роҳгузарон ба он ҷасадҳо пешпо мехӯранд+.
4 Ин ҳама аз боиси зинокории зиёди фоҳишаи
зеботалъати соҳиби ҷодуҳо ба амал омадааст,
ки вай халқҳоро бо зиноҳои худ,
ва қабилаҳоро бо ҷодуҳои худ мефурӯшад+.
5 «Инак Ман, мегӯяд Худованди лашкарҳо, ба ту зид ҳастам,
ва доманатро бар рӯят хоҳам бардошт, ва аврати туро ба халқҳо,
ва нанги туро ба мамлакатҳо нишон хоҳам дод+.
6 Ва наҷосатҳо бар ту хоҳам рехт,
ва туро нафратангез хоҳам гардонид,
ва туро барои хандахариш ба тамошои мардум хоҳам гузошт».
7 Ва чунин воқеъ хоҳад шуд, ки ҳар кӣ туро бинад,
худро аз ту канор гирифта, хоҳад гуфт:
«Нинве валангор шудааст!» Кист, ки дар ҳаққи вай афсӯс хӯрад?
Аз куҷо барои ту таъзиякунандагонро пайдо кунам+?
8 Оё ту аз Нӯ-Омун беҳтар ҳастӣ,
ки бар наҳрҳо ҷойгир буда,
онро об иҳота мекард, баҳр қалъаи он буд,
яъне ҳисораш аз баҳр иборат буд+?
9 Ҳабаш иқтидори он буд, ва Миср низ,
ки кӯшунаш сону шумор надошт;
Фут ва Лубим мададгорони ту буданд+.
10 Вай низ ҷалои ватан шуда, ба асирӣ рафтааст;
кӯдаконаш низ дар сари ҳар кӯча ба сангҳо зада кушта шудаанд;
ва бар ашрофи вай қуръа партофтаанд,

ва тамоми акобираш бо занҷирҳо баста шудаанд+.
11 Ту низ масту мадҳуш гардида, аз назар ғоиб хоҳӣ шуд;
ту низ аз дасти душман паноҳгоҳ хоҳӣ ҷуст+.
12 Ҳамаи қалъаҳоят ба дарахтони анҷире монандӣ хоҳад дошт,
ки навбарҳояш пухта расида бошад:
ҳамин ки таконе дода шавад,
меваи онҳо ба даҳони хӯранда меафтад.
13 Инак, қавми ту мисли занонанд андаруни ту;
дарвозаҳои замини ту барои душманонат васеъ кушода мешавад;
оташ ғалақаҳояшро сӯзонидааст+.
14 Барои замони муҳосираат об захира намо;
қалъаҳоятро мустаҳкам кун;
ба лой даро, ва гилро пой бизан,
қолиби хиштро ба даст гир.
15 Дар он ҷо оташ туро хоҳад сӯзонид,
шамшер туро нобуд хоҳад кард,
туро мисли малах хоҳад хӯрд,
агарчи ба сони кирми малах биафзоӣ,
яъне ба сони малах зиёд шавӣ.
16 Тоҷиронат аз ситорагони осмон зиёдтар шудаанд;
мисли малах ҳуҷум карда, парида мераванд.
17 Миронат мисли малах,
ва амалдоронат мисли анбӯҳи ҷарод мебошанд,
ки дар рӯзи сармо бар деворҳо ҷойгир мешаванд,
аммо ҳамин ки офтоб тулӯъ кунад,
парида мераванд, ва маълум нест, ки ҷояшон куҷост.
18 Чӯпонони ту, эй подшоҳи Ашшур,
пинак рафтаанд, зӯроварони ту хобидаанд;
қавми ту бар кӯҳҳо пароканда шудаанд,
ва касе нест, ки онҳоро ҷамъ оварад.
19 Барои шикасти ту муолиҷае нест,
зарбае ки ту хӯрдаӣ, даво надорад;
ҳамаи онҳое ки ин хабарро дар бораи ту шунидаанд, ба ҳоли ту чапак заданд,
зеро кист, ки бадии ту ба вай ҳамеша нарасида бошад+?

* 1:8 Шаҳри Нинве, ки пойтахти мамлакати Ашшур буд, дар назар дошта шудааст.

* 1:14 Подшоҳи Ашшур дар назар дошта шудааст.

---

+ 1:1 Юн. 1:2, Ҳаб. 1:1

+ 1:2 Хур. 20:5, Так. Шар. 7:10, Иш. 59:18

+ 1:3 Хур. 34:6-7, Заб. 17:10

+ 1:4 Хур. 14:21-22, Заб. 105:9, Иш. 33:9

+ 1:5 Заб. 96:5, Ирм. 4:24, Ҳиз. 38:20

+ 1:6 Заб. 75:8, Мал. 3:2, Ҳиз. 38:20

+ 1:7 Заб. 45:2

+ 1:8 Иш. 8:22

+ 1:10 Мик. 7:4, Юил 2:5

+ 1:13 Иш. 10:27, Иш. 14:25

+ 1:14 Ҳиз. 32:23

+ 1:15 Иш. 52:7, Ад. 30:3, Иш. 52:1, Юил 3:17

+ 2:2 Заб. 79:9, Иш. 5:1, Мат. 21:33

+ 2:3 Ҳиз. 23:14

+ 2:5 Ирм. 46:12

+ 2:6 Иш. 45:1

+ 2:7 Иш. 38:14, Ҳиз. 7:16

+ 2:10 Саф. 2:13, Юил 2:6

+ 2:11 Иш. 5:29, Ирм. 2:15

+ 2:12 Ирм. 51:38

+ 2:13 Наҳум 3:5, 4 Подш. 19:9-10

+ 3:1 Ҳиз. 24:8

+ 3:3 4 Подш. 19:36

+ 3:4 Ваҳй 17:1-2, Ваҳй 18:3

+ 3:5 Наҳум 2:13, Ирм. 13:22, Ирм. 13:26, Ҳаб. 2:16

+ 3:7 Иш. 10:5, Иш. 14:25, Саф. 2:13, Иш. 51:19, Ирм. 15:5, Нав. 1:2

+ 3:8 Ирм. 46:25, Ҳиз. 30:14, Ом. 6:2

+ 3:9 2 Вак. 12:3

+ 3:10 Иш. 20:4, 4 Подш. 8:12, Иш. 13:16, Юил 3:3, Уб. 1:11

+ 3:11 Ирм. 25:17

+ 3:13 Иш. 19:16, Ирм. 51:30

+ 3:19 Ҳуш. 5:13, Мик. 1:9, Айюб 27:23, Нав. 2:15

*КИТОБИ*

# ҲАБАҚҚУҚИ НАБӢ

1 2 3

## Дуои Ҳабаққуқ, мусибатҳои Исроил дар замони парокандагӣ.

1 Ваҳйе ки Ҳабаққуқи набӣ дидааст+.
2 То ба кай, эй Худованд, истиғоса намоям, —
ва Ту иҷобат намекунӣ,
сӯи Ту дар бораи ситам фарьёд занам, —
ва Ту наҷот намедиҳӣ+?
3 Чаро ҷафоро ба ман нишон медиҳӣ,
ва ба хабосат назар меандозӣ,
дар сурате ки тороҷ ва ситам дар рӯ ба рӯи ман аст,
ва ҷангу ҷидол ба миён меояд ва ситезакорӣ сар мебардорад?
4 Аз ин сабаб шариат беэътибор мешавад,
ва инсоф ҳаргиз ба амал намебарояд,
зеро ки шарир одилро мулзам мекунад,
бинобар ин инсоф ба роҳи каҷ меравад+.

## Овози Худованд ба қавме ки дар парокандагӣ мебошанд.

5 «Дар миёни халқҳо назар андозед ва бубинед, ва хело мутаҳайир хоҳед шуд,
зеро дар айёми шумо Ман амале ба ҷо меоварам,
ки агар ба шумо онро ҳикоят мекарданд, боваратон намеомад+.
6 Зеро инак, Ман калдониёнро,
ки халқи сангдил ва тундмизоҷанд, бармехезонам,
ки онҳо дар фарохиҳои замин мегарданд,
то масканҳоеро, ки аз они худашон нест, забт намоянд+.
7 Онҳо мудҳиш ва саҳмгин мебошанд:
ҳукм ва шавкати онҳо аз худашон ба вуҷуд меояд.
8 Ва аспони онҳо аз палангон чобуктар,
ва аз гургони шаб далертаранд,
ва саворони онҳо сершуморанд,
ва саворони онҳо аз дурдаст меоянд,
мисли уқобе ки сӯи шикори худ мешитобад, парида меоянд+.
9 Саросар барои ситам меоянд,
дар ҳолате ки рӯяшон ба пеш нигаронида шудааст,
ва асиронро мисли рег ҷамъ мекунанд.
10 Ва онҳо подшоҳонро масхара медоранд,

ва сарварон барои онҳо асбоби бозӣ мебошанд;
онҳо бар ҳар қалъа механданд,
ва хоктӯдае барпо карда, онро забт менамоянд.
11 Он гоҳ мисли боде вазида ба макони дигар мегузаранд
ва гуноҳкор мешаванд,
чунки ин қуввати худро ба худои худ нисбат медиҳанд».

## Набӣ Худовандро мадҳ мегӯяд.

12 Ту, охир, аз азал вуҷуд дорӣ,
эй Худованд Худои ман, эй Қуддуси ман!
Пас мо нахоҳем мурд.
Ту, эй Худованд, онҳоро барои доварӣ таъин намудаӣ,
ва Ту, эй сахраи ман, онҳоро барои ҷазо додан ба вуҷуд овардаӣ+.
13 Чашмони Ту он қадар пок аст, ки наметавонӣ шароратро бубинӣ
ва ба хабосат назар андозӣ;
пас чаро ба ғаддорон назар меандозӣ,
ва ҳангоме ки шарир шахси аз худаш одилтарро фурӯ мебарад,
хомӯш мемонӣ+?
14 Ва одамонро мисли моҳиёни баҳр,
мисли хазандагоне ки ҳокиме надоранд, мегардонӣ?
15 Вай ҳамаи онҳоро бо шаст мекашад,
ба тӯри худ медарорад ва дар доми худ ҷамъ мекунад,
аз ин сабаб шод ва хурсанд мешавад+.
16 Бинобар ин барои тӯри худ қурбонӣ мекунад,
ва барои доми худ бухур месӯзонад,
зеро ки насибаи вай аз онҳо равғанин,
ва хӯроки вай болаззат гардидааст.
17 Оё аз ин сабаб нест, ки вай тӯри худро холӣ карда меистад
ва ҳамеша халқҳоро бераҳмона мекушад?

## Худованд ба Хабаққуқ дар рӯъё ҷавоб мегардонад.

1 Дар дидбонгоҳи худ бармехезам,
ва дар бурҷ рост меистам, ва интизорӣ мекашам,
то бубинам, ки Ӯ ба ман чӣ хоҳад гуфт,
ва ман дар бораи шикояти худ чӣ ҷавоб хоҳам дод+.
2 Ва Худованд ба ман ҷавоб гардонда, гуфт:
«Рӯъёро бинавис ва бар лавҳҳо ҳак намо,
то ки хонанда онро бо тезӣ бихонад+.
3 Зеро ки рӯъё барои мӯҳлати муайян аст,
ва аз фарҷом шаҳодат медиҳад, ва дурӯғ намегӯяд;
агар даранг кунад, онро мунтазир шав,
зеро ки ҳатман ба амал хоҳад омад, таъхир нахоҳад кард+.
4 Инак, каҷдил мағрур шудааст,
валекин одил бо имони худ хоҳад зист+.
5 Дуруст аст, ки майзада ғаддор аст,
ва ин марди мағрур оромӣ надорад;
ҳирсашро мисли дӯзах калон мекунад,
ва мисли марг сериро намедонад,
ва ҳамаи халқҳоро пеши худ ҷамъ мекунад,
ва ҳамаи қавмҳоро пеши худ фароҳам меоварад»+.
6 Ҳамаи инҳо, охир, дар ҳаққи вай масале хоҳанд зад,
ва муаммои истеҳзоомезе ба забон ронда, хоҳанд гуфт:
«Вой ба ҳоли касе ки он чиро, ки аз они худаш
нест, афзун мекунад, — то ба кай? —
ва худро зери бори гаравҳо мегузорад!»+
7 Даъвогарони ту, охир, баногоҳ қиём хоҳанд кард,
ва ташвишдиҳандагони ту бедор хоҳанд шуд,
ва ту ба тороҷи онҳо дучор хоҳӣ омад.
8 Азбаски ту халқҳои зиёдро ғорат кардӣ,
тамоми бақияи қавмҳо туро ғорат хоҳанд кард,
аз барои хуни одамон, ки рехтӣ, ва ситаме ки дар ҳаққи замин,
ва шаҳр ва ҳамаи сокинони он ба амал овардӣ+.
9 Вой ба ҳоли касе ки барои хонаи худ бо роҳи бадӣ доройӣ меандӯзад,
то ки лонаи худро дар баландӣ барпо намуда,
худро аз дасти шарорат раҳо кунад!+

10 Расвоиро барои хонаи худ салоҳ дидӣ,
вақте ки қавмҳои зиёдро несту нобуд кардӣ, —
ва ҷони худро дар роҳи гуноҳ андохтӣ.
11 Зеро ки санг аз девор фарьёд мезанад,
ва ғӯлаи чӯб ба он ҷавоб мегардонад+.
12 Вой ба ҳоли касе ки шаҳрро бо хун бино мекунад,
ва қасабаро бо беинсофӣ буньёд менамояд!+
13 Ин, охир, аз ҷониби Худованди лашкарҳост!
Ва қавмҳо аз барои оташ меҳнат мекунанд,
ва қабилаҳо бар абас хаста мешаванд+.
14 Зеро ки замин аз шинохтани ҷалоли Худованд пур хоҳад шуд,
чунон ки об баҳрро пур мекунад+.
15 Вой ба ҳоли касе ки ёрони худро шароб менӯшонад,
ва ту заҳри худро ба он илова намуда,
онҳоро маст мегардонӣ, то ки аврати онҳоро бубинӣ!+
16 Ту ба ҷои ҷалол аз нанг сер шудаӣ,
пас ту низ нӯшида, заҳролуд шав:
косаи ямини Худованд бар ту фурӯд хоҳад омад,
ва расвоӣ — бар ҷалоли ту+.
17 Зеро ситаме ки дар ҳаққи Лубнон кардӣ, ба сари худат хоҳад омад,
ва ҳалокате ки бар чорпоён овардӣ, боиси шикасти ту хоҳад шуд,
аз барои хуни одамон, ки рехтӣ, ва ситаме ки дар ҳаққи замин,
ва шаҳр ва ҳамаи сокинони он ба амал овардӣ.
18 Чӣ фоида аст аз санаме ки санамсозаш онро ба вуҷуд овардааст,
дар сурате ки он фақат бут ва муаллими козиб аст,
агарчи сонеи ин маснӯъ ба он таваккал карда,
бутҳои гунг сохтааст+?
19 Вой ба ҳоли касе ки ба чӯб бигӯяд: «Бедор шав!»
ва ба санги безабон: «Бархез!»
Оё он метавонад таълим диҳад?
Инак, он бо тилло ва нуқра пӯшида шудааст,
вале рӯҳе андарунаш нест+.
20 Валекин Худованд дар қасри қудси Худ сокин аст, —
бигзор ба ҳузури Ӯ тамоми замин хомӯш бошад!+

## Дуои набӣ пур аз умедвории шодиёна аст.

1 Дуои Ҳабаққуқи набӣ бар услуби суруди ҷонсӯз.
2 Худовандо! Овозатро шунидам — ҳаросон шудам.
Худовандо! Амали Худро дар солҳои наздик зинда намо,
дар солҳои наздик онро зоҳир бисоз;
дар вақти ғазаб раҳмро ба ёд овар.
3 Худо аз Темон меояд, ва Қуддус — аз Форон. Село.
Шукӯҳи Ӯ осмонро фаро гирифтааст,
ва ҷалоли Ӯ заминро пур кардааст.
4 Ва дурахши Ӯ мисли найир аст, шуоъҳо аз дасти Ӯст,
ва ниҳонгоҳи ҷалоли Ӯ дар он ҷост+.
5 Пешопеши Ӯ вабо равон аст,
ва аз паси қадамҳояш аланга берун меояд.
6 Чун биистад — заминро ба ҷунбиш меоварад;
чун назар афканад — халқҳоро ба ларза меандозад;
ва кӯҳҳои азалӣ метаркад, пуштаҳои абадӣ паст мешавад;
тариқҳои Ӯ ҷовидонист+.
7 Хаймаҳои Кушонро зери бори мусибат дидам;
чодирҳои замини Мидьёнро ларза гирифтааст+.
8 Оё бар наҳрҳо ғазаби Худованд аланга гирифтааст?
Оё хашми Ту ба наҳрҳо,
ва қаҳри Ту ба баҳрҳо нигаронида шудааст,
ки Ту бар аспони Худ,
бар аробаҳои наҷотбахши Худ савор шудаӣ+?
9 Камони Худро аз ғилофаш бараҳна намуда,
анбӯҳи тирҳоро ба парвоз овардаӣ. Ӯмер село*.
Заминро бо наҳрҳо чок-чок кардаӣ.
10 Кӯҳҳо Туро дида, ба ларза омад, селобҳо ҷорӣ шуд,
варта овозашро баровард, мавҷҳояшро боло бардошт+.
11 Офтоб ва моҳ аз нури тирҳои паррони Ту,
аз дурахши найзаҳои барроқи Ту дар масканҳои худ истоданд+.
12 Ту бо ғазаб бар замин қадам мезанӣ,
бо хашм халқҳоро поймол мекунӣ.
13 Барои наҷот додани қавми Худ,
барои наҷот додани Масеҳи Худ берун омадӣ;

бурҷи хонаи шарирро зада вайрон кардӣ,
онро аз буньёдаш то бомаш хароб намудӣ. Село.
[14] Сари ҳокимони варо бо тирҳои худи вай маҷрӯҳ кардӣ,
вақте ки онҳо мисли тундбоде ҳамла овардаанд, то ки
маро пароканда намоянд, дар айни хол шодии онҳо мисли он буд,
ки мискинеро ба таври пинҳонӣ фурӯ мебурда бошанд.
[15] Бо аспонат дар баҳр аз даруни гирдоби
обҳои бисьёр барои Худ роҳ кушодӣ+.
[16] Чун шунидам, ботинамро ларза гирифт,
аз он садо лабҳоям ба раъша омад,
заъф то мағзи устухонҳоям ҷойгир шуд,
ва ман дар ҷои нишасти худ ба ларзиш омадам;
ва ҳол он ки дар интизори рӯзи тангӣ,
вақте ки қавме бо фавҷҳои худ бар мо ҳуҷум оваранд, ман бояд ором бошам:+
[17] Агарчи дарахти анҷир гул накунад, ва токҳо бор наоварад,
ва меваи зайтун мувофиқи чашмдошт набошад,
ва киштзорҳо ҳосил надиҳад,
ва гӯсфандон аз қӯра талаф шавад,
ва говҳо дар оғил мавҷуд набошад, —
[18] Вале ман дар Худованд шод хоҳам буд,
ва дар Худои наҷоти худ ба ваҷд хоҳам омад+.
[19] Худованд Худо қуввати ман аст:
Ӯ пойҳои маро, мисли пойҳои оҳуён мегардонад,
ва маро бар баландиҳоям ҳидоят менамояд.
Барои сардори муғанниён бар созҳои торнок+.

---

* 3:9 **Ӯмер село** — ин ибора, аз афташ, ишораи мусиқиест, ки тағьири оҳангро мефаҳмонад.

---

\+ 1:1 Наҳум 1:1

\+ 1:2 Заб. 12:1, Заб. 88:47, Айюб 24:12

+ 1:4 Мик. 7:3

+ 1:5 Аъм. 13:41

+ 1:6 Ирм. 5:15-17, Ҳиз. 28:7, Ҳиз. 31:12

+ 1:8 Ирм. 4:13, Так. Шар. 28:49

+ 1:12 Так. Шар. 33:27, Заб. 89:3, Заб. 92:2, Иш. 10:5-6

+ 1:13 Заб. 34:17, Айюб 12:6, Ирм. 12:1

+ 1:15 4 Подш. 19:28, Ом. 4:2, Ирм. 16:16

+ 2:1 Иш. 21:8, Ирм. 6:17, Ҳиз. 3:17, Ҳиз. 33:2, Ҳуш. 9:8

+ 2:2 Так. Шар. 27:8, Иш. 8:1, Иш. 30:8

+ 2:3 Дон. 10:14, Саф. 3:8, 2 Пет. 3:9, Ибр. 10:37

+ 2:4 Рум. 1:17, Ғал. 3:11, Ибр. 10:38

+ 2:5 Мас. 27:20, Ирм. 27:7

+ 2:6 Иш. 14:4

+ 2:8 Ирм. 50:29, Ҳиз. 35:15, Уб. 1:15

+ 2:9 Ирм. 49:16

+ 2:11 Лук. 19:40

+ 2:12 Ирм. 22:13, Мик. 3:10

+ 2:13 Ирм. 51:58

+ 2:14 Ад. 14:21, Заб. 71:19, Иш. 6:3, Иш. 11:9

+ 2:15 Ирм. 51:7

+ 2:16 Ирм. 13:26, Наҳум 3:5, Нав. 4:21

+ 2:18 Зак. 10:2, Иш. 44:10-11

+ 2:19 Заб. 134:17, Ирм. 10:14

+ 2:20 Заб. 10:4, Мик. 1:2, Саф. 1:7

+ 3:4 Айюб 36:32, Ҳиз. 1:27

+ 3:6 Ҳас. 49:26, Так. Шар. 33:15

+ 3:7 Дов. 7:21

+ 3:8 Иш. 66:15

+ 3:10 Хур. 19:18, Заб. 76:17, Заб. 92:3

+ 3:11 Еҳ. 10:12-13

+ 3:15 Заб. 76:20

+ 3:16 Айюб 4:14, Заб. 118:120

+ 3:18 Заб. 12:6, Заб. 20:2, Заб. 34:9, Юил 2:23, Зак. 10:7

+ 3:19 2 Подш. 22:34, Заб. 17:34, Заб. 4:1, Заб. 60:1

*КИТОБИ*

## САФАНЬЁИ НАБӢ

1 2 3

## Доварӣ бар Яҳудо — тимсоли рӯзи ояндаи Худованд.

# 1

[1] Каломи Худованд, ки бар Сафаньё ибни Кушӣ, ибни Ҷадальё,
ибни Амарьё, ибни Ҳизқиё, дар айёми Йӯшиё ибни Омӯн,
подшоҳи Яҳудо, нозил шуд+.
[2] «Ҳамаро аз рӯи замин
тамоман маҳв мекунам», мегӯяд Худованд.
[3] «Одамизод ва чорпоёнро маҳв мекунам,
мурғони ҳаво ва моҳиёни баҳр,
ва асбоби васвасаро бо якҷоягии шарирон маҳв мекунам;
ва одамизодро аз рӯи замин нест мекунам»,
мегӯяд Худованд+.
[4] «Ва дасти Худро бар Яҳудо
ва бар ҳамаи сокинони Ерусалим дароз мекунам,
ва бақияи Баал,
ва номҳои пешвоёни бутпарастонашро бо якҷоягии коҳинонаш нест мекунам;+
[5] Ва онҳоеро низ, ки бар бомҳо ба лашкари осмон сачда мекунанд,
ва онҳоеро, ки сачда карда, ба Худованд қасам мехӯранд ва ба Милкум* қасам мехӯранд,+
[6] Ва онҳоеро низ, ки аз Худованд гаштаанд,
яъне Худовандро намеҷӯянд ва Ӯро наметалабанд».
[7] Ба ҳузури Худованд Худо хомӯш бош!
Зеро ки рӯзи Худованд наздик аст;
зеро ки Худованд қурбоние тайёр кардааст, даъватшудагони Худро тақдис намудааст+.
[8] «Ва дар рӯзи қурбонии Худованд чунин воқеъ хоҳад шуд,
ки Ман сарварон, ва писарони подшоҳ, ва ҳамаи онҳоеро,
ки либоси бегона мепӯшанд, муҷозот хоҳам намуд+.
[9] Ва дар он рӯз ҳамаи онҳоеро, ки аз остона ҷаста мегузаранд,
ва хонаи оғои худро аз ситам ва макр пур мекунанд,
муҷозот хоҳам намуд».
[10] «Ва дар он рӯз чунин воқеъ хоҳад шуд», мегӯяд Худованд,
«ки садои фиғон аз дарвозаи моҳиён,
ва вовайло аз маҳаллаи дуюм,
ва шикастагии бузурге аз болои пуштаҳо ба гӯш хоҳад расид+.

11 Вовайло кунед, эй сокинони Мактеш,
зеро ки тамоми қавми тоҷир маҳв гардидаанд,
ҳамаи нуқраандӯзон нест шудаанд.
12 Ва дар он вақт чунин воқеъ хоҳад шуд,
ки Ман Ерусалимро бо чароғҳо тафтиш хоҳам кард,
ва шахсонеро, ки бар дурди худ нишаста, дар дили худ мегӯянд:
„Худованд на некӣ мекунад ва на бадӣ“, муҷозот хоҳам намуд+.
13 Ва дороии онҳо ба ғанимат гирифта
ва хонаҳои онҳо валангор хоҳад шуд;
ва хонаҳо бино хоҳанд кард, вале дар онҳо сокин нахоҳанд шуд,
ва токҳо хоҳанд шинонид, вале шароби онҳоро нахоҳачд нӯшид»+.
14 Рӯзи бузурги Худованд наздик аст,
он наздик аст ва хело мешитобад:
садои рӯзи Худованд ба гӯш мерасад!
Он гоҳ баҳодур ҳам фиғони талх хоҳад бардошт.
15 Он рӯз рӯзи ғазаб аст,
рӯзи тангӣ ва мусибат,
рӯзи вайронӣ ва харобӣ,
рӯзи торикӣ ва зулмот,
рӯзи абр ва меғ,+
16 Рӯзи шох ва нидоҳо бар шаҳрҳои ҳисордор ва бар бурҷҳои баланд.
17 Ва Ман одамонро ба танг меоварам,
ва онҳо мисли кӯрон роҳ хоҳанд рафт,
зеро ки пеши Худованд гуноҳ кардаанд;
ва хунашон мисли ғубор,
ва гӯшташон мисли саргин рехта хоҳад шуд+.
18 На нуқраи онҳо, на тиллои онҳо
дар рӯзи ғазаби Худованд онҳоро наметавонад наҷот диҳад,
ва бо оташи рашки Ӯ тамоми замин фурӯ бурда хоҳад шуд,
зеро ки ҳалокате, он ҳам ҳалокати ногаҳоние,
Ӯ бар ҳамаи сокинони замин хоҳад овард+.

## Муроҷиат ба бақия бо даъват, ки тавба кунанд.

1 Барои тавба ҷамъ шавед ва фароҳам оед, эй халқи беҳаё,+
2 Пеш аз он ки ҳукми ҷазо ба амал ояд, —
чунки рӯз мисли пари коҳ зуд гузашта меравад, —
пеш аз он ки шиддати хашми Худованд бар шумо фурӯд ояд,
пеш аз он ки рӯзи ғазаби Худованд бар шумо фурӯд ояд.
3 Худовандро биталабед, эй ҳамаи ҳалимони замин,
ки аҳкоми Ӯро ба ҷо меоваред;
адолатро биталабед, фурӯтаниро биталабед, —
шояд, ки дар рӯзи хашми Худованд тавонед пинҳон шавед+.

## Доварӣ бар халқҳо.

4 Зеро ки Ғазза тарк карда хоҳад шуд,
ва Ашқалӯн ба харобазор табдил хоҳад ёфт;
аҳли Ашдӯд нимирӯзӣ бадар ронда хоҳанд шуд,
ва Эқрӯн решакан хоҳад гардид.
5 Вой ба ҳоли халқи критиён,
ки сокинони минтақаи баҳр мебошанд!
Каломи Худованд дар ҳаққи шумост,
эй Канъон, замини фалиштиён!
Ва Ман туро нест хоҳам кард,
ба дараҷае ки сокине дар ту боқӣ нахоҳад монд+.
6 Ва минтақаи баҳр мавзеи чоҳҳои чӯпонон
ва кӯраҳои гӯсфандон хоҳад шуд+.
7 Ва ин минтақа барои бақияи хонадони Яҳудо хоҳад буд,
то ки дар он ҷо чаро кунанд;
шабонгоҳ дар хонаҳои Ашқалӯн хоҳанд хобид,
зеро ки Худованд Худояшон онҳоро тафаққуд намуда,
асиронашонро хоҳад баргардонид.
8 «Дашноми Мӯоб ва ҳақоратҳои банӣ-Аммӯнро шунидаам,
ки қавми Маро таҳқир намуда,
дар ҳудуди онҳо калонигарӣ мекарданд+.
9 Бинобар ин ба ҳаёти Худам қасам»,
мегӯяд Худованди лашкарҳо, Худои Исроил,
«ки замини Мӯоб мисли Садӯм

ва замини банӣ-Аммӯн мисли Амӯро хоҳад шуд,
мавзеи хорҳо, ва кони намак,
ва харобазори абадӣ хоҳад гардид;
бақияи қавми Ман онҳоро тороҷ хоҳанд кард,
ва боқимондагони халқи Ман онҳоро
ба тасарруфи худ хоҳанд даровард»+.
[10] Ин ба сари онҳо аз боиси кибрашон хоҳад омад, зеро ки дар
ҳаққи қавми Худованди лашкарҳо таҳқир ва калонигарӣ карданд+.
[11] Худованд бар онҳо саҳмгин хоҳад буд, зеро ки Ӯ ҳамаи худоёни
заминро маҳв хоҳад кард, ва ҳамаи халқҳои сокини ҷазираҳо, ҳар яке
аз макони худ, ба Ӯ саҷда хоҳанд кард+.
[12] «Шумо низ, эй ҳабашиён,
бо шамшери Ман кушта хоҳед шуд»+.
[13] Ва Ӯ дасти Худро бар шимол дароз карда,
Ашшурро маҳв хоҳад намуд, ва Нинверо ба харобазоре,
ба саҳрои хушке ки мисли биёбон бошад, табдил хоҳад дод+.
[14] Ва андаруни он галаҳои сершумори ҳар навъ ҳайвонот хоҳанд
хобид,
ва мурғи саққо, ва хорпушт бар болодариҳои он ҷойгир хоҳанд шуд;
садои хониши паррандагон аз тирезаҳояш ба гӯш хоҳад расид,
ва харобӣ бар остонаҳояш намоён хоҳад буд,
зеро ки чӯбҳои арзи рӯйбасти онҳо вайрон шудааст+.
[15] Ин шаҳри пурсурур, ки бепарвоёна умр ба сар бурда, дар дили худ
мегуфт:
«Ман ҳастам, ва ғайр аз ман дигаре нест», чӣ гуна хароб гардида,
ба маскани ҳайвонот табдил ёфтааст!
Ҳар касе ки аз пеши он бигзарад,
ба ҳоли он ҳуштак зада, даст хоҳад афшонид+.

## Таназзули ахлоқ дар Ерусалим дар айёми набӣ.

1 Вой ба ҳоли шаҳри палид
ва наҷиси ситампеша!+
2 Вай овозро намешунавад, пандро намепазирад,
ба Худованд таваккал намекунад,
ба Худои худ наздик намешавад.
3 Сарваронаш андаруни вай шерони ғурранда,
доваронаш гургони шабгард мебошанд,
ки то субҳ устухонеро боқӣ намегузоранд+.
4 Анбиёяш шахсони сабукмағз ва ғаддор ҳастанд;
коҳинонаш қудсро палид, ва шариатро хор мекунанд+.
5 Худованд андаруни вай одил аст, ноинсофӣ намекунад;
ҳар субҳ доварии Худро ошкоро зоҳир месозад,
пай дарҳам амал мекунад,
вале шахси ноинсоф шармро намедонад+.
6 Ман халқҳоро маҳв намудаам,
ба дараҷае ки бурҷҳошон вайрон гардидааст;
кӯчаҳошонро чунон хароб кардаам,
ки касе аз онҳо намегузарад;
шаҳрҳошон тавре валангор шудааст,
ки касе дар онҳо нест, сокине боқӣ намондааст.
7 Гуфтам: «Кошки аз Ман метарсидӣ, ва пандро қабул мекардӣ»;
ва дар он сурат маскани вай маҳв намешуд,
ва ҳар он чи дар ҳаққи вай амр фармуда будам, ба амал намеомад;
лекин онҳо барои бад кардани тамоми амалиёти худ шитофтанд.
8 «Бинобар ин Маро», мегӯяд Худованд,
«интизор бошед, то рӯзе ки барои шоҳидӣ бархезам,
зеро ҳукми Ман ин аст, ки халқҳоро ҷамъ кунам,
ва мамлакатҳоро фароҳам оварам, то ки ғазаби Худро,
тамоми шиддати хашми Худро бар онҳо бирезам,
зеро ки тамоми замин бо оташи рашки Ман фурӯ бурда хоҳад шуд+.
9 Зеро ки он вақт ба қавмон забони поке хоҳам бахшид,
то ки ҳамаашон исми Худовандро бихонанд,
ва Ӯро якдилона ибодат намоянд+.
10 Аз он тарафи наҳрҳои Ҳабаш парастишкунандагони Ман,

фарзандоне ки Ман пароканда кардаам,
ҳадияе барои Ман хоҳанд овард.
11 Дар он рӯз ту аз тамоми амалиёти худ,
ки бо он пеши Ман гуноҳ кардаӣ, хиҷил нахоҳӣ шуд,
зеро ки он вақт Ман мутакаббирони пурсурури туро аз даруни ту дур хоҳам кард,
ва ту дигар дар кӯҳи муқаддаси Ман такаббур нахоҳӣ намуд+.
12 Ва ман андаруни ту қавми фурӯтан
ва бенаворо боқӣ хоҳам гузошт,
ва онҳо ба исми Худованд паноҳ хоҳанд бурд+.
13 Бақияи Исроил ноинсофӣ нахоҳанд кард,
ва дурӯғ нахоҳанд гуфт,
ва дар даҳонашон забони фиребгарона ёфт нахоҳад шуд,
зеро ки худашон чаро карда, хоҳанд хобид,
ва касе онҳоро безобита нахоҳад кард»+.

## Худованд бар Ерусалим марҳамат намуд.

14 Тараннум намо, эй духтари Сион!
Нидоҳои шодмонӣ бидеҳ, эй Исроил!
Аз тамоми дил шодӣ ва хурсандӣ бикун, эй духтари Ерусалим!+
15 Худованд азиятҳои туро дур карда,
душманонатро аз миён бардоштааст;
Худованд, ки подшоҳи Исроил аст, андаруни туст,
ва ту дигар бадӣ нахоҳӣ дид+.
16 Дар он рӯз ба Ерусалим гуфта хоҳад шуд:
«Натарс!» ва ба Сион:
«Бигзор дастҳоят суст нашавад!»
17 Худованд Худои ту андаруни туст, Ӯ ҷаббор аст,
ва наҷот хоҳад дод;
дар ҳаққи ту бо шодмонӣ дилхуш хоҳад шуд,
дар муҳаббати Худ хомӯш хоҳад монд,
дар ҳаққи ту бо тараннум шодӣ хоҳад кард+.
18 «Онҳоеро, ки аз ҷиҳати идҳо ғамгинанд,
Ман ҷамъ хоҳам кард, — онҳо аз ту дур буданд,
ва бори нанги ту насибашон гардида буд.
19 Инак, Ман дар он замон ҳамаи онҳоеро,

ки бар ту ситам мекарданд,
ба танг хоҳам овард, ва лангонро наҷот хоҳам дод,
ва рондашудагонро фароҳам хоҳам овард,
ва онҳоро дар ҳар кишваре ки гирифтори нанг буданд,
соҳиби иззат ва шӯҳрат хоҳам гардонид+.
20 Дар он замон шуморо хоҳам овард,
ва дар он замон шуморо ҷамъ хоҳам кард,
зеро ки шуморо дар миёни ҳамаи қавмони замин соҳиби шӯҳрат ва иззат хоҳам гардонид,
вақте ки асирони шуморо пеши назари шумо баргардонам», мегӯяд Худованд+.

---

* 1:5 **Милкум** — номи худои Аммӯн, ки онро Мӯлех ҳам мегуфтанд.

---

+ 1:1 4 Подш. 22:1, Ирм. 1:2

+ 1:3 Ҳуш. 4:3

+ 1:4 4 Подш. 23:4

+ 1:5 Ирм. 19:13, 3 Подш. 11:5, 3 Подш. 11:33, 4 Подш. 17:33

+ 1:7 Ҳаб. 2:20, Иш. 13:6, Ирм. 46:10, Юил 1:15, Иш. 34:6, Ҳиз. 39:17

+ 1:8 4 Подш. 24:12, 4 Подш. 25:7

+ 1:10 Наҳ. 3:3, Наҳ. 12:39, 2 Вак. 33:14, 4 Подш. 22:14

+ 1:12 Ирм. 48:11, Заб. 93:7, Мал. 3:14

+ 1:13 Так. Шар. 28:30, Так. Шар. 28:39, Ом. 5:11, Мик. 6:15

+ 1:15 Ҳиз. 7:7, Юил 2:2, Ом. 5:18

+ 1:17 Иш. 59:10, Заб. 78:3

+ 1:18 Мас. 11:4, Ҳиз. 7:19, Саф. 3:8

+ 2:1 Ирм. 6:15, Саф. 3:5

+ 2:3 Иш. 55:6, Ом. 5:4, Ом. 5:6, Иш. 2:10, Иш. 26:20

+ 2:5 1 Подш. 30:14, 2 Подш. 8:18, Ирм. 47:7, Ҳиз. 25:16

+ 2:6 Иш. 65:10

+ 2:8 Иш. 15:1, Иш. 25:10, Ирм. 48:1, Ҳиз. 25:8, Ом. 2:1-3, Ирм. 49:1, Ҳиз. 21:28, Ҳиз. 25:2, Ом. 1:13-15

+ 2:9 Иш. 49:18, Ҳиз. 16:48, Ҳас. 19:24, Так. Шар. 29:23, Иш. 13:19, Ирм. 49:18

+ 2:10 Иш. 16:6, Ирм. 48:29

+ 2:11 Заб. 21:28

+ 2:12 Иш. 18

+ 2:13 Иш. 10:5, Иш. 14:25, Наҳум 2:10, Наҳум 3:7

+ 2:14 Иш. 13:21-22, Иш. 34:11, Иш. 34:14

+ 2:15 Иш. 47:8, Ирм. 19:8

+ 3:1 Ирм. 6:6

+ 3:3 Ҳиз. 22:27

+ 3:4 Ирм. 23:11

+ 3:5 Саф. 2:1

+ 3:8 Ҳаб. 2:3, Юил 3:2, Зак. 14:2, Саф. 1:18

+ 3:9 Иш. 6:7, Иш. 19:18

+ 3:11 Иш. 54:4

+ 3:12 Иш. 14:32

+ 3:13 Ваҳй 14:5, Мик. 5:4

+ 3:14 Зак. 2:10, Зак. 9:9

+ 3:15 Луқ. 1:75

+ 3:17 Иш. 62:5, Ирм. 32:41

+ 3:19 Мик. 4:6-7

+ 3:20 Так. Шар. 30:3, Иш. 11:12, Ирм. 32:37, Ҳиз. 11:17

*КИТОБИ*

# ҲАҶҶАИ НАБӢ

1 2

## Сабаб ва мавзӯи нубувват.

1 1 Дар соли дуюми подшоҳ Дорьёвеш, дар рӯзи якуми моҳи
шашум, каломи Худованд ба воситаи Ҳаҷҷаи набӣ нозил шуда, ба
волии Яҳудо Зарубобил ибни Шаалтиил ва ба саркоҳин Еҳушаъ ибни
Еҳӯсодоқ гуфт:+
2 Худованди лашкарҳо сухан ронда, чунин гуфт: «Ин қавм
мегӯянд: „Ҳанӯз вақти он нест, яъне вақти бино кардани хонаи
Худованд нарасидааст“».

## Худованд барои сустии суръати сохтмони маъбад мазаммат менамояд.

3 Ва каломи Худованд ба воситаи Ҳаҷҷаи набӣ нозил шуда, гуфт:
4 «Оё барои шумо вақти он аст, ки худатон дар хонаҳои
болопӯшидаи худ сокин шавед, валекин ин хона хароб бошад+?
5 Ва акнун Худованди лашкарҳо чунин мегӯяд: дилҳои худро бар
роҳҳои худ нигаронед.
6 Бисьёр кишт мекунед, вале ҳосили кам мебардоред; мехӯред,
вале сер намешавед; менӯшед, вале на ба қадри кофӣ; либос
мепӯшед, вале он гармӣ надорад; ва ҳар кӣ муздурӣ мекунад, музди
худро гӯё дар ҳамьёни сӯрохдор мегузорад+.
7 Худованди лашкарҳо чунин мегӯяд: ба пешомади зиндагии худ
хуб таваҷҷӯҳ кунед.
8 Ба кӯҳ баромада, чӯб биёред ва хонаро бино кунед; ва Ман ба он
таваҷҷӯҳ намуда, ҷалол хоҳам ёфт, мегӯяд Худованд.
9 Бисьёрро мунтазир мешавед, ва инак кам аст, ва онро ба хона
меоваред — Ман онро барбод медиҳам. Аз барои чӣ? — мегӯяд
Худованди лашкарҳо. — Аз барои хонаи Ман, ки хароб аст, ва ҳол он
ки шумо ҳар яке ба кори хонаи худ машғулед.
10 Бинобар ин осмон бар шумо шабнамро бас кардааст, ва замин
ҳосилашро бас кардааст+.
11 Ва Ман бар замин ва кӯҳҳо, ва бар ғалла ва шираи ангур ва
равғани зайтун, ва бар ҳар он чи замин мерӯёнад, ва бар одамизод ва
чорпоён, ва бар ҳар он чи аз меҳнати дастҳо ҳосил мешавад,
хушксолиро хондаам»+.

## Корҳои сохтмон аз нав оғоз ёфт.

12 Ва Зарубобил ибни Шаалтиил, ва саркоҳин Еҳушаъ ибни
Еҳӯсодоқ, ва тамоми бақияи қавм ба овози Худованд Худои худ ва ба
суханони Ҳаҷҷаи набӣ, ки ӯро Худованд Худои онҳо фиристода буд,
гӯш андохтанд, ва қавм аз Худованд тарсиданд+.
13 Ва Ҳаҷҷай, қосиди Худованд, ки аз ҷониби Худованд фиристода
шуда буд, ба қавм сухан ронда, гуфт: «Ман бо шумо ҳастам, мегӯяд
Худованд»+.
14 Ва Худованд рӯҳи волии Яҳудо Зарубобил ибни Шаалтиил, ва
рӯҳи саркоҳин Еҳушаъ ибни Еҳӯсодок, ва рӯҳи бақияи қавмро
барангехт, ва онҳо омада, дар хонаи Худованди лашкарҳо, Худои худ,
ба кор шурӯъ карданд.
15 Дар рӯзи бисту чоруми моҳи шашум, дар соли дуюми подшоҳ
Дорьёвеш ин ба вуқӯъ омад.

## Нубувват дар бораи ҷалоли ояндаи маъбади Худо ва дар бораи Масеҳ.

**2** 1 Дар рӯзи бисту якуми моҳи ҳафтум каломи Худованд ба
воситаи Ҳаҷҷаи набӣ нозил шуда, гуфт:+
2 «Лутфан, ба волии Яҳудо Зарубобил ибни Шаалтиил, ва ба
саркоҳин Еҳушаъ ибни Еҳӯсодоқ, ва ба бақияи қавм сухан ронда,
бигӯй:+
3 „Кист, ки дар миёни шумо боқӣ мондааст, ва ин хонаро дар
ҷалоли аввалаи он дидааст? Ва он алҳол дар назари шумо чӣ гуна
аст? Оё он дар назари шумо ночиз нест“+?
4 Валекин алҳол устувор бош, эй Зарубобил, мегӯяд Худованд, ва
устувор бош, эй саркоҳин Еҳушаъ ибни Еҳӯсодоқ, ва устувор бошед,
эй тамоми қавми замин, мегӯяд Худованд, ва кор кунед, зеро ки Ман
бо шумо ҳастам, мегӯяд Худованди лашкарҳо,+
5 Бар тибқи каломи аҳде ки дар вақти берун омаданатон аз Миср
бо шумо баста будам, ҳангоме ки Рӯҳи Ман андаруни шумо буд.
Ҳаросон набошед!+
6 Зеро ки Худованди лашкарҳо чунин мегӯяд: боз як бори дигар,
он ҳам баъд аз андак вақт, воқеъ хоҳад шуд, ва Ман осмон ва замин ва
баҳр ва хушкиро ба ларза хоҳам андохт+.
7 Ва ҳамаи халқҳоро ба ларза хоҳам овард, ва неъматҳои ҳамаи
халқҳо оварда хоҳад шуд, ва Ман ин хонаро аз ҷалол пур хоҳам кард,
мегӯяд Худованди лашкарҳо.
8 Нуқра барои Ман аст, ва тилло барои Ман аст, мегӯяд Худованди
лашкарҳо+.
9 Ҷалоли ин хонаи охирин назар ба аввалинаш бузургтар хоҳад
буд, мегӯяд Худованди лашкарҳо; ва дар ин макон Ман сулҳу
осоиштагиро барқарор хоҳам намуд, мегӯяд Худованди лашкарҳо».

## Худованд бевиҷдонии коҳинонро мазаммат менамояд.

10 Дар рӯзи бисту чоруми моҳи нӯҳум, дар соли дуюми Дорьёвеш,
каломи Худованд ба воситаи Ҳаҷҷаи набӣ нозил шуда, гуфт:
11 «Худованди лашкарҳо чунин мегӯяд: лутфан, аз коҳинон
дастуре пурсида, бигӯй:

12 „Агар касе гӯшти муқаддасро дар домани ҷомаи худ бардорад,
ва бо доманаш ба нон, ё ош, ё шароб, ё равған ва ё ба ҳар хӯрок
бирасад, оё он муқаддас мешавад?“» Ва коҳинон ҷавоб гардонда,
гуфтанд: «Не».
13 Ва Ҳаҷҷай гуфт: «Агар касе ки ба ҷасади мурда расида наҷис
шуда бошад, ба ҳар яке аз инҳо бирасад, оё он наҷис мешавад?» Ва
коҳинон ҷавоб гардонда, гуфтанд: «Наҷис мешавад»+.
14 Ва Ҳаҷҷай ҷавоб гардонда, гуфт: «Чунинанд ин қавм ва
чунинанд ин халқ ба ҳузури Ман, мегӯяд Худованд, ва чунин аст ҳар
амали дастҳои онҳо; ва ҳар он чи дар он ҷо қурбонӣ кунанд, наҷис
аст+.
15 Ва акнун, лутфан, аз имрӯз ва минбаъд хуб таваҷҷӯҳ кунед, яъне
аз вақте ки ҳанӯз санге бар санге дар қасри Худованд гузошта нашуда
буд.
16 Баъзан мешуд, ки касе назди хирмани дорои бист андоза
меомад, вале фақат даҳ андоза буд; ё назди чархушт меомад, то ки
панҷоҳ андоза бигирад, вале фақат бист андоза буд.
17 Шуморо дар ҳар амали дастҳои шумо бо боди самум ва хушкӣ
ва жола зарба задам, вале шумо сӯи Ман руҷӯъ накардед, мегӯяд
Худованд+.
18 Лутфан, аз имрӯз минбаъд хуб таваҷҷӯҳ кунед, яъне аз рӯзи
бисту чоруми моҳи нӯҳум, аз рӯзе ки буньёди қасри Худованд
ниҳода шуд, хуб таваҷҷӯҳ кунед+.
19 Оё ҳанӯз тухмӣ дар анбор аст, ва ҳанӯз ток, ва анҷир, ва анор, ва
дарахти зайтун бор наовардааст? Ман аз имрӯз баракат хоҳам дод»+.
20 Ва каломи Худованд бори дуюм дар рӯзи бисту чоруми моҳ бар
Ҳаҷҷай нозил шуда, гуфт:
21 «Ба волии Яҳудо Зарубобил сухан ронда, бигӯй: „Ман осмон ва
заминро ба ларза хоҳам андохт;+
22 Ва тахти мамлакатҳоро сарнагун хоҳам сохт, ва қуввати
мамлакатҳои халқҳоро маҳв хоҳам намуд, ва аробаро бо саворонаш
чаппа хоҳам кард, ва аспон бо саворонашон аз шамшери якдигар
фурӯ хоҳанд ғалтид+.
23 Дар он рӯз, мегӯяд Худованди лашкарҳо, Ман туро, эй бандаи
Ман Зарубобил ибни Шаалтиил, хоҳам гирифт, мегӯяд Худованд, ва

туро мисли мӯҳре хоҳам гузошт, зеро ки Ман туро баргузидаам, мегӯяд Худованди лашкарҳо“»+.

---

+ 1:1 Эзр. 4:24, Зак. 1:1, Эзр. 5:1, Эзр. 6:14, 1 Вақ. 3:19, Эзр. 3:2, Наҳ. 12:1, Ҳаҷ. 2:20-23, Зак. 4:6-10, 1 Вақ. 6:15

+ 1:4 Наҳ. 2:3, Заб. 131:3-5

+ 1:6 Так. Шар. 28:38, Иб. 26:16, Ҳуш. 4:10, Мик. 6:15

+ 1:10 3 Подш. 8:35

+ 1:11 3 Подш. 17:1

+ 1:12 Эзр. 5:2

+ 1:13 Еҳ. 1:5, Еҳ. 1:9, Ҳаҷ. 2:4

+ 2:1 Иб. 23:34

+ 2:2 Ҳаҷ. 1:1, Ҳаҷ. 2:20-23

+ 2:3 Эзр. 3:12, Зак. 4:10

+ 2:4 Ҳаҷ. 1:13

+ 2:5 Хур. 29:45

+ 2:6 Айюб 9:6, Иш. 2:19, Иш. 13:13, Ибр. 12:26

+ 2:8 1 Вақ. 29:16

+ 2:13 Иб. 22:4-6, Ад. 19:22

+ 2:14 Иш. 64:6

+ 2:17 Иб. 26:16, Так. Шар. 28:22, 3 Подш. 8:37, 2 Вак. 6:28, Ом. 4:9, Ирм. 5:3, Ом. 4:6

+ 2:18 Эзр. 3:10, Зак. 8:9

+ 2:19 Зак. 8:12

+ 2:21 Ҳағ. 1:1, Ҳағ. 2:2

+ 2:22 Дон. 2:44, Зак. 12:9, Мик. 5:10, Зак. 14:13

+ 2:23 Сур. Сур. 8:6, Ирм. 22:24

*КИТОБИ*

# ЗАКАРЬЁИ НАБӢ


1 2 3 4 5 6 7 8 9 10

11 12 13 14

## Даъват ба тавба; зуҳури фариштаи Худованд.

1 1 Дар моҳи ҳаштум, дар соли дуюми Дорьёвеш, каломи
Худованд бар Закарьёи набии ибни Баракьё, ибни Идду нозил
шуда, гуфт:+
2 «Худованд бар падарони шумо бағоят хашмгин буд,
3 Ва ту ба онҳо бигӯй: Худованди лашкарҳо чунин мегӯяд: сӯи Ман
баргардед, мегӯяд Худованди лашкарҳо, ва Ман сӯи шумо хоҳам
баргашт, мегӯяд Худованди лашкарҳо+.
4 Мисли падарони худ набошед, ки анбиёи пешина онҳоро хонда,
гуфтанд: „Худованди лашкарҳо чунин мегӯяд: аз роҳҳои бади худ ва
аз корҳои бади худ баргардед“, вале онҳо нашниданд ва ба Ман гӯш
надоданд, мегӯяд Худованд+.
5 Падарони шумо — куҷоянд онҳо? Ва анбиё — магар онҳо ба таври
абадӣ зиндагӣ мекунанд?
6 Аммо суханони Ман ва фароизи Ман, ки ба бандагони Худ анбиё
амр фармуда будам, магар ба сари падарони шумо наомад? Ва онҳо
баргаштанд ва гуфтанд: „Чунон ки Худованди лашкарҳо қарор дода
буд, ки бо мо мувофиқи роҳҳоямон ва корҳоямон амал намояд,
омчунон бо мо амал намуд“»+.

## Дидани марде бар аспи ҷиранд.

7 Дар рӯзи бисту чоруми моҳи ёздаҳум, ки моҳи шебот бошад, дар
соли дуюми Дорьёвеш, каломи Худованд бар Закарьёи набии ибни
Баракьё, ибни Идду нозил шуда, чунин гуфт:
8 «Имшаб дидам, ва инак марде бар аспи ҷиранд савор буд, ва ӯ
дар миёни дарахтони ос, ки дар водӣ буданд, меистод, ва дар ақиби ӯ
аспони ҷиранд, тӯруқ ва сафед буданд+.
9 Ва ман гуфтам: „Инҳо чист, эй оғоям?“ Ва фариштае ки бо ман
сухан меронд, ба ман гуфт: „Ман ба ту нишон медиҳам, ки инҳо
чист“.
10 Ва марде ки дар миёни дарахтони ос меистод, ҷавоб гардонда,
гуфт: „Инҳо касоне ҳастанд, ки Худованд фиристодааст, то ки бар
замин гаштугузор кунанд“.
11 Ва онҳо ба фариштаи Худованд, ки дар миёни дарахтони ос
меистод, ҷавоб гардонда, гуфтанд: „Мо бар замин гаштугузор кардем,

ва инак, тамоми замин дар оромӣ сокин аст“.

## Худованд ба халқҳо таваҷҷӯҳ намекунад.

[12] Ва фариштаи Худованд ҷавоб гардонда, гуфт: „Эй Худованди
лашкарҳо! То ба кай бар Ерусалим ва шаҳрҳои Яҳудо, ки ҳафтод сол
боз Ту ба онҳо хашм менамоӣ, марҳамат нахоҳӣ кард?“+
[13] Ва Худованд ба фариштае ки бо ман сухан меронд, бо суханони
хуб, бо суханони тасаллибахш ҷавоб гардонд.
[14] Ва фариштае ки бо ман сухан меронд, ба ман гуфт: „Нидо
намуда, бигӯй: Худованди лашкарҳо чунин мегӯяд: Ман дар бораи
Ерусалим ва дар бораи Сион бо рашки бузурге рашк кардам+.
[15] Ва бар халқҳои бепарво бағоят хашмгин ҳастам: вақте ки хашми
Ман андак буд, онҳо бадиро афзун карданд+.
[16] Бинобар ин Худованд чунин мегӯяд: ба Ерусалим бо марҳамат
хоҳам баргашт; хонаи Ман дар он бино хоҳад ёфт, мегӯяд Худованди
лашкарҳо, ва ресмони андоза бар Ерусалим кашида хоҳад шуд+.
[17] Боз нидо намуда, бигӯй: Худованди лашкарҳо чунин мегӯяд: боз
шаҳрҳои Ман аз нозу неъмат лабрез хоҳад шуд, ва Худованд боз
Сионро тасаллӣ хоҳад дод, ва боз Ерусалимро хоҳад баргузид“»+.

## Дидани чор шох ва чор оҳангар.

[18] Ва ман чашмони худро боло карда, дидам, ва инак чор шох буд.
[19] Ва ба фариштае ки бо ман сухан меронд, гуфтам: «Инҳо чист?»
Ва ӯ ба ман гуфт: «Инҳо шохҳоест, ки Яҳудо ва Исроил ва Ерусалимро
пароканда кардааст»+.
[20] Ва Худованд чор оҳангарро ба ман нишон дод.
[21] Ва ман гуфтам: «Инҳо барои чӣ гуна коре омадаанд?» Ва ӯ ба
ҷавоб гуфт: «Ин шохҳо Яҳудоро чунон пароканда кардааст, ки касе
сари худро наметавонад бардорад; вале инҳо омадаанд, то ки бар
онҳо даҳшат оваранд, шохҳои халқҳоеро шикаста партоянд, ки бар
замини Яҳудо шох бардоштаанд, то ки онро пароканда намоянд».

## Дидани марде бо ресмони андоза.

**2** [1] Ва ман чашмони худро боло карда, дидам, ва инак марде буд,
ва ресмони андоза дар дасти худ дошт+.
[2] Ва ман гуфтам: «Ту куҷо меравӣ?» Ва ӯ ба ман гуфт: «Барои
андоза кардани Ерусалим, то бубинам, ки бараш чӣ қадар аст ва
дарозияш чӣ қадар»+.
[3] Ва инак фариштае ки бо ман сухан меронд, берун рафт, ва
фариштаи дигаре ба пешвози ӯ баромад,
[4] Ва ба ӯ гуфт: «Шитоб намо ва ба ин ҷавон бигӯй: „Ерусалим аз
бисьёрии одамон ва чорпоёне ки андарунаш хоҳанд буд, берун аз
ҳисор маскун хоҳад гардид+.
[5] Ва Ман барои он, мегӯяд Худованд, devори оташине гирдогирдаш
хоҳам буд, ва барои ҷалоли он андаруни он хоҳам буд“»+.
[6] «Ҳой, ҳой, аз замини шимол бигрезед, мегӯяд Худованд; зеро ки
Ман шуморо мисли чор самти осмон пароканда кардаам, мегӯяд
Худованд»+.
[7] Ҳой, Сион, ки назди духтари Бобил сокин мебошӣ, гурехта худро
раҳо намо!+
[8] Зеро ки Худованди лашкарҳо чунин мегӯяд. Барои ҷалоли шумо
Ӯ маро назди халқҳое ки шуморо тороҷ карданд, фиристодааст; зеро
ҳар кӣ ба шумо даст расонад, ба мардумаки чашми Ӯ даст расонда
бошад+.
[9] «Зеро ки инак Ман дасти Худро бар онҳо хоҳам бардошт, ва онҳо
ғанимати ғуломони худ хоҳанд шуд». Ва шумо хоҳед донист, ки
Худованди лашкарҳо маро фиристодааст+.
[10] Тараннум ва шодӣ намо, эй духтари Сион! «Зеро инак, Ман
меоям ва андаруни ту сокин хоҳам шуд», мегӯяд Худованд+.
[11] «Ва дар он рӯз халқҳои бисьёр ба Худованд ҳамроҳ хоҳанд шуд,
ва қавми Ман хоҳанд гардид, ва Ман андаруни ту сокин хоҳам шуд».
Ва хоҳӣ донист, ки Худованди лашкарҳо маро назди ту
фиристодааст+.
[12] Ва Худованд Яҳудоро тасарруф намуда, насибаи Худ бар замини
муқаддас хоҳад гардонид, ва аз нав Ерусалимро хоҳад баргузид+.
[13] Ба ҳузури Худованд хомӯш бошед, эй тамоми башар! Зеро ки Ӯ
аз маскани муқаддаси Худ бархостааст.

## Дидани Еҳушаи саркоҳин.

**3** 1 Ва Еҳушаи саркоҳинро ба ман нишон дод, ки ба ҳузури
фариштаи Худованд истода буд, ва шайтон ба тарафи рости ӯ
меистод, то ки ӯро айбдор кунад+.
2 Ва Худованд ба шайтон гуфт: «Худованд ба ту, эй шайтон, итоб
менамояд, ва Худованд, ки Ерусалимро баргузидааст, ба ту итоб
менамояд; ин, охир, кундаи нимсӯхтаест, ки аз оташ раҳонида
шудааст»+.
3 Ва Еҳушаъ либоси ифлос дар тан дошт, ва ба ҳузури фаришта
меистод,
4 Ки вай ба онҳое ки ба ҳузураш истода буданд, сухан ронда, гуфт:
«Либоси ифлосро аз тани ӯ дур кунед». Ва ба ӯ гуфт: «Бубин,
гуноҳатро аз ту дур кардам, ва туро либоси фохира пӯшонидам»+.
5 Ва ман гуфтам: «Бигзор аммомаи тозае бар сараш бимонанд», —
ва аммомаи тозае бар сараш гузоштанд, ва ӯро либос пӯшониданд,
дар сурате ки фариштаи Худованд меистод+.
6 Ва фариштаи Худованд Еҳушаъро таъкид намуда, гуфт:
7 «Худованди лашкарҳо чунин мегӯяд: агар бо роҳҳои Ман биравӣ,
ва агар хизмати Маро ба ҷо оварӣ, ту низ дар хонаи Ман сардорӣ
хоҳӣ намуд, ва саҳнҳои Маро нигаҳбонӣ хоҳӣ кард, ва Ман туро дар
миёни инҳое ки меистанд, роҳ хоҳам дод.

## Бандаи Худо — Навда.

8 Пас бишнав, эй Еҳушаи саркоҳин, ту ва ёронат, ки ба ҳузури ту
нишастаанд, зеро ки онҳо мардони хуҷаста ҳастанд: инак, Ман
бандаи Худ — Навдаро хоҳам овард.
9 Зеро инак, он санге ки Ман ба ҳузури Еҳушаъ мегузорам; ба як
санг бо ҳафт чашм менигарам; инак, Ман нақше бар он ҳак
менамоям, мегӯяд Худованди лашкарҳо, ва гуноҳи ин заминро дар
як рӯз дур мекунам+.
10 Дар он рӯз, мегӯяд Худованди лашкарҳо, якдигарро зери ток ва
зери дарахти анҷир даъват хоҳед намуд»+.

## Дидани чароғдони тилло ва ду дарахти зайтун.

## Таъбири он.

**4** 1 Ва фариштае ки бо ман сухан меронд, баргашт, ва маро бедор кард, мисли касе ки аз хобаш бедор мешавад+.

2 Ва ба ман гуфт: «Чӣ мебинӣ?» Ва ман гуфтам: «Мебинам, инак чароғдоне ки сар то сараш аз тиллост, ва равғандонаш бар сараш, ва ҳафт чароғаш бар он аст, ва ҳар чароғ, ки бар сараш мебошад, ҳафт нойча дорад+.

3 Ва ду дарахти зайтун назди он аст, — яке аз тарафи рости равғандон ва дигаре аз тарафи чапаш»+.

4 Ва ман ба фариштае ки бо ман сухан меронд, ҷавоб гардонда, гуфтам: «Инҳо чист, эй оғоям?»

5 Ва фариштае ки бо ман сухан меронд, ба ман ҷавоб гардонда, гуфт: «Оё намедонӣ, ки инҳо чист?» Ва ман гуфтам: «Не, эй оғоям».

6 Ва ӯ ба ман ҷавоб гардонда, гуфт: «Ин каломи Худованд аст, ки барои Зарубобил гуфта шудааст: на бо ҷасорат ва на бо қувват, балки бо Рӯҳи Ман, мегӯяд Худованди лашкарҳо+.

7 Ту чистӣ, эй кӯҳи бузург? Ба ҳузури Зарубобил ту ҳамворие ҳастӣ, ва ӯ санги сари онро берун хоҳад овард, дар сурате ки нидоҳои хурсандӣ шунида хоҳад шуд: „Шукӯҳу шавкат бар он бод!“»+

8 Ва каломи Худованд бар ман нозил шуда, гуфт:

9 «Дастҳои Зарубобил буньёди ин хонаро ниҳодааст, ва дастҳои ӯ онро анҷом хоҳад дод, ва хоҳӣ донист, ки Худованди лашкарҳо маро назди шумо фиристодааст+.

10 Зеро касе ки он рӯзи корҳои майдаро писанд накарда буд, алҳол шоқулро дар дасти Зарубобил дида, шод хоҳад шуд; ин ҳафт — чашмони Худованд ҳастанд, ки тамоми заминро бо нигоҳи худ фаро мегиранд»+.

11 Ва ман савол дода, ба ӯ гуфтам: «Ин ду дарахти зайтун, ки ба тарафи рости чароғдон ва ба тарафи чапи он мебошад, чист?»

12 Ва бори дуюм савол дода, ба ӯ гуфтам: «Он ду шохаи зайтун, ки назди ду нойчаи тилло моеи тиллоранге аз даруни худ мерезад, чист?»

[13] Ва ӯ ба ман гуфт: «Оё намедонӣ, ки инҳо чист?» Ва ман гуфтам: «Не, эй оғоям».

[14] Ва ӯ гуфт: «Ин ду — таъминкунандагони равғани зайтун ҳастанд, ки ба ҳузури Молики тамоми ҷаҳон истодаанд»**+**.

## Дидани тӯмори паррон ва сабад.

5 [1] Ва боз чашмонамро боло карда, дидам, ва инак тӯмори
парроне намоён аст+.
[2] Ва ӯ ба ман гуфт: «Чӣ мебинӣ?» Ва ман гуфтам: «Ман тӯмори
парроне мебинам, ки дарозияш бист зироъ аст, ва бараш даҳ зироъ».
[3] Ва ӯ ба ман гуфт: «Ин лаънатест, ки бар рӯи тамоми замин берун
меравад, зеро ҳар кӣ дуздӣ мекунад, аз ин тарафаш, бар ҳасби он,
маҳв хоҳад гардид, ва ҳар кӣ қасами дурӯғ мехӯрад, аз он тарафаш,
бар ҳасби он, маҳв хоҳад гардид+.
[4] Ман онро берун овардам, мегӯяд Худованди лашкарҳо, ва он ба
хонаи дузд ва ба хонаи касе ки ба исми Ман қасами дурӯғ мехӯрад,
дохил хоҳад шуд, ва андаруни хонаи вай ҷойгир шуда, сабаби
хонавайронӣ хоҳад гардид, ҳам чӯбҳояш ва ҳам сангҳояшро нобуд
хоҳад кард»+.
[5] Ва фариштае ки бо ман сухан меронд, берун омада, ба ман гуфт:
«Лутфан, чашмонатро боло карда, бубин, ки он чи берун меояд,
чист».
[6] Ва ман гуфтам: «Он чист?» Ва ӯ гуфт: «Ин сабадест, ки берун
меояд». Ва гуфт: «Ин чашми ҳариси онҳост дар тамоми замин».
[7] Ва инак, гулӯлаи қӯрғошимие бардошта шуд, ва инак, як зан
андаруни сабад нишастааст.
[8] Ва ӯ гуфт: «Ин шарорат аст», ва онро андаруни сабад андохт, ва
он санги қӯрғошимиро ба даҳани он гузошт.
[9] Ва ман чашмонамро боло карда, дидам, ва инак, ду зан берун
меоянд, ва бод дар болҳои онҳост, ва болҳошон мисли болҳои лайлак
аст; ва онҳо сабадро бардошта, дар миёни замин ва осмон парвоз
карданд.
[10] Ва ман ба фариштае ки бо ман сухан меронд, гуфтам: «Онҳо ин
сабадро куҷо мебаранд?»
[11] Ва ӯ ба ман гуфт: «То ки барои вай дар замини Шинъор хонае
бино кунанд, ва ҳамин ки он тайёр шавад, вай дар он ҷо бар пояи худ
гузошта хоҳад шуд».

## Дидани чор ароба.

6 [1] Ва боз чашмони худро боло карда, дидам, ва инак, чор ароба
аз миёни ду кӯҳ берун меравад, ва он кӯҳҳо кӯҳҳои мис аст+.
[2] Дар аробаи якум — аспони ҷиранд; ва дар аробаи дуюм — аспони
сиёҳмушкин;
[3] Ва дар аробаи сеюм — аспони сафед; ва дар аробаи чорум —
аспони абраши қавӣ+.
[4] Ва ба фариштае ки бо ман сухан меронд, савол дода, гуфтам:
«Инҳо чист, эй оғоям?»
[5] Ва фаришта ба ман ҷавоб гардонда, гуфт: «Инҳо чор боди осмон
мебошанд, ки баъд аз истодан ба ҳузури Молики тамоми ҷаҳон берун
мераванд+.
[6] Он ки аспони сиёҳмушкин дорад, онҳо сӯи замини шимол берун
мераванд, ва аспони сафед ба машриқзамин берун мераванд, ва
аспони абраш сӯи замини ҷануб берун мераванд.
[7] Ва аспони қавӣ берун рафтаанд, ва саъю кӯшиш доранд гардиш
кунанд, то ки заминро тай намоянд». Ва ӯ гуфт: «Биравед, заминро
тай намоед». Ва онҳо рафта, заминро тай карданд.
[8] Ва ӯ маро фарьёд карда, гуфт: «Бубин, онҳое ки сӯи замини
шимол берун рафтанд, хашми Маро дар замини шимол фурӯ
нишониданд».

## Тоҷгузории рамзии Еҳушаъ.

[9] Ва каломи Худованд бар ман нозил шуда, гуфт:
[10] «Аз миёни асироне ки аз Бобил омадаанд, Ҳелдай, Тубиё ва
Едаъёро бигир, ва бо онҳо дар ҳамон рӯз ба хонаи Йӯшиё ибни
Сафаньё биё,
[11] Ва нуқра ва тиллоро бигир ва тоҷҳо сохта, ба сари саркоҳин
Еҳушаъ ибни Еҳӯсодоқ бигузор,+
[12] Ва ба ӯ сухан ронда, бигӯй: „Худованди лашкарҳо чунин мегӯяд:
инак марде ки Навда ном дорад, ва аз решааш хоҳад рӯид, ва қасри
Худовандро бино хоҳад кард+.
[13] Ӯ қасри Худовандро бино хоҳад кард, ва соҳиби шавкат хоҳад
шуд, ва бар тахти худ нишаста, салтанат хоҳад ронд; ва коҳин бар

тахти худ хоҳад буд, ва машварати сулҳу осоиштагӣ дар миёни ҳар
дуи онҳо хоҳад буд“.
14 Ва он тоҷҳо барои Ҳелам ва Тубиё ва Едаъё ва Ҳен ибни Сафаньё
аз баҳри ёдгорӣ дар қасри Худованд хоҳад буд.
15 Ва онҳое ки дар ҷойҳои дур мебошанд, омада, дар қасри
Худованд бино хоҳанд кард, ва хоҳед донист, ки Худованди лашкарҳо
маро назди шумо фиристодааст; ва ин ба вуқӯъ хоҳад омад, агар ба
овози Худованд Худои худ бодиққат гӯш диҳед»+.

## На рӯзадорӣ, балки марҳамат барои Худованд мақбул аст.

**7** [1] Ва дар соли чоруми подшоҳ Дорьёвеш чунии воқеъ шуд, ки
каломи Худованд дар рӯзи чоруми моҳи нӯҳум, ки моҳи кислев
бошад, бар Закарьё нозил шуд,+
[2] Вақте ки сокинони Байт-Ил, Саресар ва Раҷам-Малик одамони
худро фиристода буданд, то ки ба ҳузури Худованд тазаррӯъ
намоянд,
[3] Ва ба коҳиноне ки дар хонаи Худованди лашкарҳо буданд, ва ба
анбиё сухан ронда, бипурсанд: «Оё ман дар моҳи панҷум бигирьям
ва рӯзадорӣ кунам, чунон ки чандин сол ин тавр кардаам?»
[4] Ва каломи Худованди лашкарҳо бар ман нозил шуда, гуфт:
[5] «Ба тамоми қавми ин замин ва ба коҳинон бигӯй: „вақте ки
шумо, дар давоми ин ҳафтод сол, дар моҳи панҷум ва моҳи ҳафтум
рӯза доштед ва навҳа кардед, оё барои Ман рӯза доштед+?
[6] Ва ҳангоме ки шумо мехӯрдед, ва ҳангоме ки шумо менӯшидед,
оё барои худатон намехӯрдед ва оё барои худатон наменӯшидед?“»
[7] Оё аз он суханон бехабаред, ки Худованд ба воситаи анбиёи
пешина эълон карда буд, вақте ки Ерусалим маскун ва дар амният
буд, ва шаҳрҳояш гирдогирди он; ва Наҷаб ва Шефило низ маскун
буд?
[8] Ва каломи Худованд бар Закарьё нозил шуда, гуфт:
[9] «Худованди лашкарҳо чунин мегӯяд: аз рӯи адлу инсоф доварӣ
кунед, ва ба якдигар эҳсон ва марҳамат зоҳир намоед;+
[10] Ва бева ва ятим, ва ғариб ва бенаворо ба танг наоваред, ва дар
дили худ ба зидди якдигар бадӣ наандешед»+.
[11] Вале онҳо аз гӯш додан рӯ тофтанд, ва саркашӣ карданд, ва
гӯшҳои худро кар карданд, то ки нашнаванд.
[12] Ва дили худро мисли алмос сахт карданд, то ки шариат ва
суханонеро, ки Худованди лашкарҳо бо рӯҳи Худ ба воситаи анбиёи
пешина фиристода буд, нашнаванд; аз ин рӯ хашми бузурге аз
ҷониби Худованди лашкарҳо ба амал омад+.
[13] Ва чунин воқеъ шуд: «Вақте ки Ӯ даъват менамуд, онҳо
намешуниданд; ончунон, вақте ки онҳо даъват менамуданд, Ман
намешунидам», мегӯяд Худованди лашкарҳо,+

[14] «Ва Ман онҳоро дар миёни ҳамаи халқҳое ки намешинохтанд, пароканда кардам, ва ин замин баъд аз онҳо валангор шуд, ба тавре ки роҳгузаре дар он боқӣ намонд, ва онҳо замини дилпазирро ба биёбон табдил доданд»+.

## Азми Худо барои наҷот ва баракат додани Исроил тағйирнопазир аст.

8 [1] Ва каломи Худованди лашкарҳо нозил шуда, гуфт:
[2] «Худованди лашкарҳо чунин мегӯяд: Ман дар бораи Сион бо
рашки бузурге рашк кардаам, ва бо ғазаби бузурге дар бораи он рашк
кардаам+.
[3] Худованд чунин мегӯяд: Ман ба Сион хоҳам баргашт, ва
андаруни Ерусалим сокин хоҳам шуд; ва Ерусалим шаҳри ҳақиқат, ва
кӯҳи Худованди лашкарҳо кӯҳи муқаддас номида хоҳад шуд+.
[4] Худованди лашкарҳо чунин мегӯяд: боз пирон ва кампирон дар
кӯчаҳои Ерусалим хоҳанд нишаст, ва ҳар яке ба сабаби дарозии
умраш асои худро дар дасташ нигоҳ хоҳад дошт.
[5] Ва кӯчаҳои шаҳр аз писарон ва духтароне ки дар кӯчаҳояш бозӣ
мекунанд, пур хоҳад шуд.
[6] Худованди лашкарҳо чунин мегӯяд: агар ин ба назари бақияи ин
қавм дар он айём аҷиб намояд, оё ба назари Ман ҳам аҷиб хоҳад
намуд? — мегӯяд Худованди лашкарҳо.
[7] Худованди лашкарҳо чунин мегӯяд: инак, Ман қавми Худро аз
замини шарқ, ва аз замини ғуруби офтоб наҷот хоҳам дод;+
[8] Ва онҳоро хоҳам овард, ва онҳо андаруни Ерусалим сокин
хоҳанд шуд, ва қавми Ман хоҳанд буд, ва Ман бо ростӣ ва адолат
Худои онҳо хоҳам буд+.
[9] Худованди лашкарҳо чунин мегӯяд: қавӣ бод дастҳои шумо, эй
касоне ки дар ин айём ин суханонро аз забони анбиё мешунавед, ки
онҳо дар рӯзи ниҳодани буньёди хонаи Худованди лашкарҳо, барои
бино кардани қаср, нубувват намудаанд+.
[10] Зеро ки пеш аз он айём музде барои одам набуд, ва музде барои
кори чорпоён набуд; ва барои онҳое ки даробаро мекарданд,
осоиштагӣ аз дасти душман набуд, ва Ман ҳамаи одамонро ба зидди
якдигар бармеангехтам.
[11] Вале алҳол Ман барои бақияи ин қавм мисли айёми пешина
нахоҳам буд, мегӯяд Худованди лашкарҳо.
[12] Зеро ки акнун дар сулҳу осоиштагӣ зироат ба амал хоҳад омад,
ток меваи худро хоҳад овард, ва замин ҳосили худро хоҳад дод, ва

осмон шабнами худро хоҳад бахшид, ва Ман ҳамаи инҳоро ба
тасарруфи бақияи ин қавм хоҳам даровард+.
13 Ва чунин воқеъ хоҳад шуд: чунон ки шумо, эй хонадони Яҳудо
ва эй хонадони Исроил, дар миёни халқҳо рамзи лаънат будед,
ончунон Ман шуморо наҷот хоҳам дод, ва шумо рамзи баракат хоҳед
гардид. Натарсед! Қавӣ бод дастҳои шумо!
14 Зеро ки Худованди лашкарҳо чунин мегӯяд: чунон ки Ман азм
намудам, ки ба шумо бадӣ бикунам, вақте ки падарони шумо Маро ба
ғазаб оварданд, мегӯяд Худованди лашкарҳо, ва аз он азми Худ
нагаштам,
15 Ончунон Ман дар ин рӯзҳо аз нав азм намудаам, ки ба Ерусалим
ва ба хонадони Яҳудо некӣ бикунам. Натарсед!+
16 Ин аст корҳое ки шумо бояд ба ҷо оваред: ба якдигар рост гӯед;
дар маҳкамаи худ бар тибқи ҳақиқат ва сулҳу осоиштагӣ доварӣ
намоед;+
17 Ва дар дили худ ба зидди якдигар бадӣ наандешед, ва қасами
дурӯғро дӯст надоред; зеро ки Ман аз ҳамаи ин корҳо нафрат дорам,
мегӯяд Худованд»+.
18 Ва каломи Худованд бар ман нозил шуда, гуфт:
19 «Худованди лашкарҳо чунин мегӯяд: рӯзаи моҳи чорум ва рӯзаи
моҳи панҷум, ва рӯзаи моҳи ҳафтум ва рӯзаи моҳи даҳум барои
хонадони Яҳудо ба шодӣ ва хурсандӣ ва идҳои нек мубаддал хоҳад
шуд; валекин ростӣ ва осоиштагиро дӯст доред.

## Ерусалим пойтахти муқаддаси тамоми замин хоҳад буд.

20 Худованди лашкарҳо чунин мегӯяд: боз айёме фаро хоҳад расид,
ки қавмҳо ва сокинони шаҳрҳои бисьёр хоҳанд омад;
21 Ва сокинони як шаҳр ба шаҳри дигар рафта, хоҳанд гуфт:
„Биёед, рафта ба ҳузури Худованд илтиҷо намоем, ва Худованди
лашкарҳоро биталабем; ман низ хоҳам рафт“+.
22 Ва қавмҳои бисьёр ва халқҳои азим хоҳанд омад, то ки
Худованди лашкарҳоро дар Ерусалим биталабанд, ва ба ҳузури
Худованд илтиҷо намоянд+.
23 Худованди лашкарҳо чунин мегӯяд: дар он айём даҳ нафар аз
ҳамаи забонҳо ва халқҳо домани марди яҳудиро гирифта ва онро

сахт дошта, хоҳанд гуфт: „Бо шумо меравем, зеро шунидаем, ки Худо бо шумост“»+.

## Ғазаби Худо бар шаҳрҳои ҳамсояи Фаластин.

9 [1] Ваҳйи каломи Худованд, ки он дар замини Ҳадрох ва дар
Димишқ қарор хоҳад гирифт, зеро ки чашми Худованд бар
одамизод ва бар ҳамаи сибтҳои Исроил аст;+
[2] Ва дар Ҳамот низ, ки ҳамҳудуди вай аст,
ва дар Сӯр ва Сидӯн, ки бағоят айёр мебошанд.
[3] Ва Сӯр барои худ қалъае сохтааст,
ва нуқраро ба сони ғубор,
ва тиллоро ба сони лои кӯчаҳо андӯхтааст+.
[4] Инак Худованд онро бенаво хоҳад сохт,
ва дороии онро дар баҳр талаф хоҳад кард,
ва худи он бо оташ фурӯ бурда хоҳад шуд+.
[5] Ашқалӯн инро дида, ба даҳшат хоҳад афтод,
ва Ғазза бисьёр ба ларза хоҳад омад,
ва Эқрӯн низ, зеро ки аз умедаш хиҷил хоҳад шуд;
ва подшоҳ аз Ғазза нест хоҳад гардид,
ва Ашқалӯн ғайримаскун хоҳад шуд.
[6] Ва аҷнабӣ дар Ашдӯд маскан хоҳад гирифт,
ва Ман кибри фалиштиёнро маҳв хоҳам намуд;
[7] Ва хунҳояшро аз даҳонаш дур хоҳам кард,
ва қабоҳатҳояшро аз миёни дандонҳояш;
ва ӯ низ барои Худои мо боқӣ хоҳад монд,
ва мисли мире дар Яҳудо хоҳад буд,
ва сокини Эқрӯн монанди ябусӣ хоҳад шуд+.
[8] Ва Ман гирдогирди хонаи Худ ба муқобили қӯшуни ғайр,
ба муқобили онҳое ки ин сӯ — он сӯ рафтуой доранд,
ӯрду хоҳам зад, ва дигар бар онҳо ғосибе гузар нахоҳад кард,
зеро ки алҳол инро бо чашмони Худ дидаам.

## Тимсоли подшоҳи оянда; омадани якум.

[9] Бағоят ба ваҷд ой, эй духтари Сион!
Нидоҳои шодӣ бидеҳ, эй духтари Ерусалим!
Инак, Подшоҳи ту назди ту меояд,
ки одил ва соҳиби наҷот ва ҳалим аст,
ва бар харе, бар курраи бачаи модахар савор аст+.

## Халосии ояндаи Яҳудо ва Эфроим, ва барқарор гардидани Малакути Худо дар тамоми ҷаҳон.

10 Ва Ман аробаҳоро аз Эфроим,
ва аспонро аз Ерусалим маҳв хоҳам кард,
ва камони ҷангӣ барҳам хоҳад хӯрд,
ва Ӯ бо халқҳо аз сулҳу осоиштагӣ сухан хоҳад ронд,
ва салтанаташ аз баҳр то баҳр
ва аз наҳр то ақсои замин хоҳад буд+.
11 Дар хусуси ту бошад, ба хотири хуни аҳди ту
Ман асирони туро аз чоҳе ки дар он об нест, озод мекунам+.
12 Ба истеҳком баргардед, эй асирони умедвор!
Имрӯз низ эълон менамоям: дучандон ба ту талофӣ хоҳам дод+.
13 Зеро ки Яҳудоро барои Худ ҳамчун камон хоҳам кашид,
ва онро бо тири Эфроим пур хоҳам кард,
ва писарони туро, эй Сион, ба муқобили писарони ту, эй Юнон,
хоҳам барангехт, ва туро мисли шамшери баҳодур хоҳам гардонид+.
14 Ва Худованд бар онҳо зоҳир хоҳад шуд,
ва тири Ӯ мисли барқ берун хоҳад омад;
ва Худованд Худо шох навохта,
дар тундбодҳои ҷанубӣ тохтутоз хоҳад кард+.
15 Худованди лашкарҳо онҳоро муҳофизат хоҳад намуд,
ва онҳо сангҳои фалохмонро маҳв ва поймол хоҳанд кард,
ва нӯшида, мисли шаробнӯшидагон ғавғо хоҳанд бардошт,
ва мисли тос, мисли гӯшаҳои қурбонгоҳ пур хоҳанд шуд.
16 Ва Худованд Худои онҳо дар он рӯз онҳоро наҷот хоҳад дод,
қавми Худро мисли гӯсфандон хоҳад чаронид, —
мисли ҷавоҳироти тоҷ, ки бар замини Ӯ медурахшад+.
17 Зеро чӣ гуна азим аст ҳусни ӯ ва зебоии ӯ!
Гандум ба ҷавонписарон ва шираи ангур ба ҷавондухтарон
нашъунамо хоҳад бахшид.

## Минбаъд мустаҳкам шудани Яҳудо ва Эфроим.

0
1 Боронро аз Худованд дар мавсими борони охирин биталабед;
Худованд, ки барқҳоро ба вуҷуд меоварад,
ба онҳо борони фаровон хоҳад дод, ва гиёҳ дар киштзори ҳар кас+.
2 Зеро ки бутҳо суханони ҳеҷу пуч мегӯянд,
ва ҷодугарон рӯъёҳои дурӯғ мебинанд,
ва хобҳои ботил ҳикоят мекунанд,
бо гапҳои бекора тасаллӣ медиҳанд;
бинобар ин мисли рамае ки пароканда шуда бошад,
овора шуда мегарданд, азобу уқубат мекашанд, чунки чӯпон надоранд+.
3 «Хашми Ман бар чӯпонон ба ҷӯш омадааст,
ва сардоронро ҷазо хоҳам дод;
зеро ки Худованди лашкарҳо рамаи Худро, яъне хонадони Яҳудоро тафаққуд хоҳад намуд,
ва онҳоро мисли аспи шавкати Худ дар майдони корзор хоҳад гузошт+.
4 Аз Яҳудо санги зовия, аз ӯ мех, аз ӯ камони ҷангӣ,
аз ӯ ҳамаи ҳокимон бо якҷоягӣ мебароянд+.
5 Ва онҳо, ҳамчун баҳодурон,
душманро дар ҷанг мисли лои кӯчаҳо поймол хоҳанд намуд,
ва хоҳанд ҷангид, чунки Худованд бо онҳост,
ва аспсаворонро хиҷил хоҳанд кард+.
6 Ва Ман хонадони Яҳудоро тақвият хоҳам намуд,
ва хонадони Юсуфро наҷот хоҳам дод,
ва онҳоро хоҳам баргардонид,
зеро ки бар онҳо марҳамат кардаам,
ва онҳо тавре хоҳанд буд, ки гӯё онҳоро ҳаргиз тарк накарда бошам,
зеро ки Ман Худованд Худои онҳо ҳастам,
ва онҳоро иҷобат хоҳам намуд.
7 Ва банӣ-Эфроим мисли баҳодурон хоҳанд буд,
ва дили онҳо мисли шаробнӯшидагон шод хоҳад гардид;
ва фарзандонашон инро дида, шодӣ хоҳанд кард,
ва дили онҳо дар Худованд ба ваҷд хоҳад омад+.
8 Ба онҳо ҳуштак хоҳам кашид, ва онҳоро ҷамъ хоҳам кард,

зеро ки онҳоро фидия дода гирифтаам,
ва афзоиш хоҳанд ёфт, чунон ки пештар афзуда буданд+.

## Дар бораи парокандагииояндаи Исроил.

9 Ва онҳоро дар миёни қавмҳо хоҳам кошт,
ва Маро дар ҷойҳои дурдаст ба ёд хоҳанд овард,
ва бо фарзандони худ умр ба сар бурда, хоҳанд баргашт.
10 Ва онҳоро аз замини Миср хоҳам баргардонид,
ва аз Ашшур ҷамъ хоҳам кард;
ва онҳоро ба замини Ҷилъод ва ба Лубнон хоҳам овард,
ва макон барояшон кифоят нахоҳад кард+.
11 Ва аз баҳри мусибат убур хоҳанд намуд,
ва мавҷҳоро дар баҳр зарба хоҳанд зад,
ва ҳамаи умқҳои наҳр хушк хоҳад шуд,
ва кибри Ашшур ба залолат хоҳад афтод,
ва чӯбдасти салтанати Миср нест хоҳад шуд+.
12 Ва онҳоро дар Худованд тақвият хоҳам намуд,
ва онҳо ба исми Ӯ рафтор хоҳанд кард», мегӯяд Худованд.

## Дар бораи омадани якуми Масеҳ ва рад карда шуданаш.

**1** 1 Дарҳои худро, эй Лубнон, воз кун,
то ки оташ арзҳои туро фурӯ барад+.
2 Вовайло намо, эй сарв, зеро ки арз фурӯ ғалтидааст,
зеро ки дарахтони боҳашамат валангор гардидааст;
вовайло кунед, эй булутҳои Бошон,
зеро ки ҷангалистони анбӯҳ ба залолат афтодааст+.
3 Садои вовайлои чӯпонон ба гӯш мерасад,
зеро ки шавкаташон валангор шудааст;
садои наъраи шерони ҷавон мебарояд,
зеро кибриёи Урдун валангор гардидааст+.
4 Худованд Худои ман чунин мегӯяд: «Гӯсфандони забҳро
бичарон,
5 Ки онҳоро харидоронашон мекушанд, ва айбдор донистa
намешаванд; ва фурӯшандагонашон мегӯянд: „Муборак аст Худованд,
ва ман сарватдор хоҳам шуд“; ва чӯпононашон ба онҳо раҳм
намекунанд+.
6 Зеро ки Ман ба сокинони ин замин дигар раҳм нахоҳам кард,
мегӯяд Худованд; ва инак, Ман одамонро ба дасти якдигар ва ба
дасти подшоҳашон таслим хоҳам намуд, ва онҳо заминро торумор
хоҳанд кард, ва Ман аз дасташон халосӣ нахоҳам дод»+.
7 Ва ман гӯсфандони забҳро барои гӯсфандҷаллобон чаронидам;
ва ду асо барои худ гирифтам, ки якеро неъмат номидам ва дигареро
ваҳдат номидам, ва гӯсфандонро чаронидам.

## Ғазаби Худо бар чӯпонони ғаддор.

8 Ва дар як моҳ се чӯпонро нест кардам; ва ҷони ман аз онҳо безор
шуд, ва ҷони онҳо низ аз ман нафрат дошт;
9 Ва гуфтам: «Шуморо нахоҳам чаронид; он ки мурданист, бигзор
бимирад, он ки гум шуданист, бигзор гум бишавад, ва боқимондагон
бигзор гӯшти якдигарро бихӯранд»+.
10 Ва ман асои худ — неъматро гирифта, шикастам, то аҳдеро, ки
бо ҳамаи қавмҳо баста будам, ботил намоям.
11 Ва он дар он рӯз ботил гардид, ва гӯсфандҷаллобон, ки ба ман
менигаристанд, донистанд, ки ин каломи Худованд аст.

[12] Ва ман ба онҳо гуфтам: «Агар ин дар назари шумо писанд ояд,
музди маро бидиҳед, вагар на — надиҳед»; ва онҳо музди маро ба
қадри сӣ сиқли нуқра баркашиданд+.
[13] Ва Худованд ба ман гуфт: «Онро барои кулолгар биандоз, он
қимати гаронро, ки аз ҷониби онҳо баҳо дода шудаӣ». Ва ман сӣ
сиқли нуқраро гирифта, дар хонаи Худованд барои кулолгар
андохтам+.
[14] Ва асои дуюми худ — ваҳдатро шикастам, то ки бародарии
байни Яҳудо ва Исроилро ботил намоям.
[15] Ва Худованд ба ман гуфт: «Боз асбоби чӯпони аҳмақеро барои
худ бигир.
[16] Зеро инак, Ман чӯпонеро дар ин замин хоҳам гузошт, ки
даридашудагонро ба ёд нахоҳад овард, гумшудагонро ҷустуҷӯ
нахоҳад кард ва маҷрӯҳонро муолиҷа нахоҳад намуд, ба по
бархостагонро хӯрок нахоҳад дод, вале гӯшти фарбеҳонро хоҳад
хӯрд, ва сумҳои онҳоро хоҳад шикаст+.
[17] Вой ба ҳоли чӯпони нобакор,
ки гӯсфандонро тарк мекунад!
Шамшер бар бозуяш ва бар чашми росташ зарба хоҳад зад;
бозуяш тамоман хушк хоҳад шуд,
ва чашми росташ тамоман хира хоҳад гардид»+.

## Ерусалим дар хатар аст, вале Худованд онро аз мусибатҳои азим муҳофизат менамояд.

12 1 Ваҳйи каломи Худованд дар бораи Исроил. Худованд, ки
осмонро густурдааст, ва буньёди заминро ниҳодааст, ва рӯҳи
одамизодро андаруни вай ба вуҷуд овардааст, чунин мегӯяд:+
2 «Инак, Ман Ерусалимро барои ҳамаи қавмҳои гирду пеш косаи
заҳр хоҳам гардонид, ва ин бар Яҳудо низ, вақте ки Ерусалимро
муҳосира мекунад, ҷорӣ хоҳад шуд+.
3 Ва дар он рӯз чунин воқеъ хоҳад шуд, ки Ерусалимро барои
ҳамаи қавмҳо санги гароне хоҳам гардонид, ва ҳамаи касоне ки онро
бардоранд, сахт захмдор хоҳанд шуд, зеро ки ба муқобили он ҳамаи
халқҳои замин ҷамъ хоҳанд омад.
4 Дар он рӯз, мегӯяд Худованд, Ман ҳар аспро ба даҳшат, ва савори
онро ба ҷунун гирифтор хоҳам кард, ва бар хонадони Яҳудо чашмони
худро хоҳам кушод, ва ҳар аспи қавмҳоро ба кӯрӣ гирифтор хоҳам
сохт+.
5 Ва мирони Яҳудо дар дили худ хоҳанд гуфт: „Сокинони
Ерусалим дар Худованди лашкарҳо, Худои худ, қуввати ман
мебошанд“.
6 Дар он рӯз Ман мирони Яҳудоро мисли манқали оташ дар миёни
ҳезум ва мисли машъали сӯзон дар миёни бандҳои гандум хоҳам
гардонид, ва онҳо ҳамаи қавмҳои гирду пешро аз тарафи рост ва чап
фурӯ хоҳанд бурд, ва Ерусалим боз дар макони худ, яъне дар
Ерусалим, маскун хоҳад гардид+.
7 Ва Худованд аввал хаймаҳои Яҳудоро наҷот хоҳад дод, то ки
шавкати хонадони Довуд ва шавкати сокинони Ерусалим бар Яҳудо
фахр накунад.
8 Дар он рӯз Худованд сокинони Ерусалимро муҳофизат хоҳад
намуд, ва заифтарини онҳо дар он рӯз мисли Довуд хоҳад буд, ва
хонадони Довуд мисли Худо, мисли фариштаи Худованд пешопеши
онҳо хоҳанд буд.
9 Ва дар он рӯз чунин воқеъ хоҳад шуд, ки Ман ҳамаи халқҳоеро,
ки ба муқобили Ерусалим меоянд, маҳв хоҳам намуд.

## Фурӯ рехтани рӯҳи марҳамат ва риққат.

[10] Ва бар хонадони Довуд ва бар сокинони Ерусалим рӯҳи
марҳамат ва риққатро фурӯ хоҳам рехт, ва онҳо бар Ман, ки найза
задаанд, назар хоҳанд дӯхт, ва мисли он ки барои писари ягона навҳа
мекунанд, барои Ӯ навҳа хоҳанд кард, ва мисли он ки барои
нахустзода мотам мегиранд, барои Ӯ мотам хоҳанд гирифт+.
[11] Дар он рӯз навҳагарии азиме дар Ерусалим хоҳад шуд, монанди
навҳагарии Ҳададримӯн, ки дар водии Мaҷидӯн шуда буд+.
[12] Ва аҳли кишвар навҳагарӣ хоҳанд кард, — ҳар оила алоҳида:
оилаи хонадони Довуд алоҳида, ва занони онҳо алоҳида; оилаи
хонадони Нотон алоҳида, ва занони онҳо алоҳида;
[13] Оилаи хонадони Левӣ алоҳида, ва занони онҳо алоҳида; оилаи
Шимъӣ алоҳида, ва занони онҳо алоҳида.
[14] Ҳамаи оилаҳои боқимонда — ҳар оила алоҳида, ва занони онҳо
алоҳида.

## Файзи пурра дар Аҳди Ҷадид. Вафоти Чӯпони Бузург.
## Пароканда ва аз нав пайваст шудани Рамаи Ӯ.

13 1 Дар он рӯз барои хонадони Довуд ва сокинони Ерусалим
чашмае аз баҳри шустани гуноҳ ва наҷосат кушода хоҳад шуд+.
2 Ва дар он рӯз чунин воқеъ хоҳад шуд, мегӯяд Худованди
лашкарҳо, ки Ман номҳои бутҳоро аз рӯи замин маҳв хоҳам намуд,
ва онҳоро дигар ба ёд нахоҳанд овард; ва анбиёи дорои рӯҳи палидро
низ аз замин нест хоҳам кард+.
3 Ва чунин воқеъ хоҳад шуд, ки чун касе боз нубувват намояд,
падар ва модараш, ки ӯро ба дуньё овардаанд, ба ӯ хоҳанд гуфт: „Ту
нахоҳӣ зист, зеро ки ба исми Худованд дурӯғ гуфтӣ“; ва падару
модараш, ки ӯро ба дуньё овардаанд, дар вақти нубувват карданаш
ӯро теғ хоҳанд зад+.
4 Ва дар он рӯз чунин воқеъ хоҳад шуд, ки он анбиё ҳар яке аз
рӯъёи худ, дар вақти нубувват кардани худ, хиҷил хоҳанд шуд, ва
ридои пашмин аз барои фиреб додан нахоҳанд пӯшид+.
5 Ва ҳар яке хоҳад гуфт: „Ман набӣ нестам, балки шахсе ҳастам, ки
заминро кор мекунам, зеро ки замин аз наврасиам насибаи ман аст“.
6 Ва ба ӯ хоҳанд гуфт: „Ин доғҳои захм, ки дар миёни бозуҳои туст,
чист?“ Ва ӯ ҷавоб хоҳад дод: „Инҳо захмҳоест, ки дар хонаи
дӯстдоронам хӯрдаам“».
7 «Эй шамшер! Ба муқобили чӯпони Ман
ва ба муқобили марде ки ҳамдами Ман аст, бархез,
мегӯяд Худованди лашкарҳо;
Чӯпонро бизан, ва гӯсфандон пароканда хоҳанд шуд,
ва Ман дасти Худро бар хурдон хоҳам нигаронид+.
8 Ва дар тамоми замин чунин воқеъ хоҳад шуд,
мегӯяд Худованд,
ки ду ҳиссаи он несту нобуд хоҳанд гардид,
ва ҳиссаи сеюмаш дар он боқӣ хоҳад монд.
9 Ва ин ҳиссаи сеюмро ба оташ дохил хоҳам кард,
ва онҳо ро мисли гудозиши нуқра хоҳам гудохт,
ва мисли санҷиши тилло хоҳам санҷид;
онҳо исми Маро хоҳанд хонд, ва Ман онҳоро иҷобат намуда,

хоҳам гуфт: „Ӯ қавми Ман аст!“
Ва ӯ хоҳад гуфт: „Худованд Худои ман аст!“»+

## Ҷамъбасти воқеаҳо дар вақти фаро расидани рӯзи Худованд.

**14** [1] Инак рӯзи Худованд фаро мерасад, ва ғанимати ту андаруни ту тақсим хоҳад шуд+.

[2] Ва ҳамаи халқҳоро ба муқобили Ерусалим барои ҷанг ҷамъ хоҳам кард, ва шаҳр забт хоҳад шуд, ва хонаҳо тороҷ хоҳад гардид, ва занон гирифтори беномӯсӣ хоҳанд шуд, ва нисфи аҳолии шаҳр ба асирӣ хоҳанд рафт, ва бақияи қавм аз шаҳр маҳв нахоҳанд шуд+.

[3] Ва Худованд берун омада, бо он халқҳо ҷанг хоҳад кард, мисли он рӯзе ки Ӯ, дар рӯзи ҳарбу зарб, ҷангида буд.

## Зуҳури ба назар намоёни ҷалол.

[4] Ва пойҳои Ӯ дар он рӯз бар кӯҳи Зайтун, ки аз тарафи шарқ рӯ ба рӯи Ерусалим аст, хоҳад истод; ва кӯҳи Зайтун аз миёнааш, аз шарқ то ғарб, ду тақсим шуда, дараи бисьёр калоне ба вуҷуд хоҳад омад, ва нисфи кӯҳ ба тарафи шимол, ва нисфи дигараш ба тарафи ҷануб ақиб хоҳад рафт+.

[5] Ва шумо сӯи дараи кӯҳҳои Ман хоҳед гурехт, зеро ки дараи кӯҳҳо то Осал хоҳад расид; ва шумо хоҳед гурехт, чунон ки дар айёми Узиё, подшоҳи Яҳудо, аз заминҷунбӣ гурехта будед; ва Худованд Худои ман хоҳад омад, ва ҳамаи муқаддасон ҳамроҳи Ӯ+.

[6] Ва дар он рӯз чунин воқеъ хоҳад шуд, ки рӯшноӣ нахоҳад буд: абрҳои серборон ях баста, осмонро торик хоҳад кард.

[7] Ва он як рӯзи алоҳида хоҳад буд, ва ҳама хоҳанд донист, ки он — рӯзи Худованд аст, ки на рӯз дорад ва на шаб, ва фақат дар вақти шом рӯшноӣ пайдо хоҳад шуд+.

[8] Ва дар он рӯз чунин воқеъ хоҳад шуд, ки обҳои зинда аз Ерусалим берун хоҳад омад: нисфи онҳо — сӯи баҳри шарқӣ, ва нисфи дигари онҳо — сӯи баҳри ғарбӣ; дар тобистон ва дар зимистон ҳамин тавр хоҳад шуд+.

## Худованд бар тамоми замин Подшоҳ хоҳад буд.

[9] Ва Худованд бар тамоми замин Подшоҳ хоҳад буд; дар он рӯз Худованд Ягона хоҳад буд, ва исми Ӯ — Ягона+.

[10] Тамоми ин замин, аз Ҷабъ то Риммӯн, ки ба тарафи ҷануби Ерусалим аст, ба даштрӯяе табдил хоҳад ёфт, дар сурате ки Ерусалим

боз ҳам баландтар шуда, дар макони худ аз дарвозаи Биньёмин то
ҷои дарвозаи аввалин ва то дарвозаи кунҷакӣ, ва аз бурҷи Ҳананъил
то чархушти подшоҳ маскун хоҳад гардид+.
11 Ва дар он сокин хоҳанд шуд, ва дигар таҳлука нахоҳад буд, ва
Ерусалим дар амну амон хоҳад зист.
12 Ва чунин аст офате ки Худованд бар ҳамаи қавмҳое ки ба
Ерусалим лашкар кашидаанд, фурӯд хоҳад овард: гӯшти бадани ҳар
яке, дар ҳолате ки вай ҳанӯз ба пойҳои худ истода бошад, хоҳад
тосид, ва чашмонаш дар косахонаи он хоҳад пӯсид, ва забонаш дар
даҳонаш фасод хоҳад кард.
13 Ва дар он рӯз чунин воқеъ хоҳад шуд, ки даҳшати азиме аз
ҷониби Худованд дар миёни онҳо ба вуҷуд хоҳад омад, ва дасти
якдигарро хоҳанд дошт, ва дасти яке бар зидди дасти дигаре
бардошта хоҳад шуд+.
14 Ва Яҳудо низ дар Ерусалим хоҳад ҷангид, ва сарвати ҳамаи
халқҳои гирду пеш: тилло ва нуқра ва либос ба миқдори бағоят
бисьёр ҷамъ карда хоҳад шуд.
15 Ва ҳамчунин офати аспон, хачирон, шутурон ва харон, ва ҳамаи
чорпоёне ки дар ӯрдуҳои онҳо ҳаст, монанди ин офат ба амал хоҳад
омад.
16 Ва чунин воқеъ хоҳад шуд, ки ҳамаи боқимондагон аз ҳамаи
халқҳое ки ба зидди Ерусалим омада буданд, ҳар сол хоҳанд омад, то
ки ба Подшоҳ — Худованди лашкарҳо сачда баранд, ва иди хаймаҳоро
ид кунанд+.
17 Ва чунин воқеъ хоҳад шуд, ки агар ягон қабила аз қабилаҳои рӯи
замин ба Ерусалим барои сачда бурдан ба Подшоҳ — Худованди
лашкарҳо наоянд, бар онҳо борон нахоҳад борид+.
18 Ва агар қабилаи Миср наоянд ва ҳозир нашаванд, бар онҳо на ин
ҷазо, балки офате хоҳад омад, ки Худованд онро бар халқҳое ки
барои ид кардани иди хаймаҳо намеоянд, фурӯд хоҳад овард.
19 Чунин аст сазои Миср ва сазои ҳамаи халқҳое ки барои ид
кардани иди хаймаҳо намеоянд.
20 Дар он рӯз бар зангӯлаҳои аспон чунин нақше хоҳад буд:
«Муқаддас аст барои Худованд». Ва дегҳо дар хонаи Худованд мисли
тосҳои назди қурбонгоҳ хоҳад буд+.

[21] Ва ҳар деге ки дар Ерусалим ва Яҳудо ҳаст, муқаддас барои
Худованди лашкарҳо хоҳад буд, ва ҳамаи онҳое ки қурбонӣ
мекунанд, омада, аз онҳо хоҳанд гирифт ва дар онҳо таом хоҳанд
пухт; ва дар он рӯз дигар ҳеҷ савдогаре дар хонаи Худованди
лашкарҳо нахоҳад буд+.

---

+ 1:1 Эзр. 4:24, Ҳаҷ. 1:1, Наҳ. 12:16, Эзр. 5:1, Эзр. 6:14, Мат. 23:35

+ 1:3 Иш. 31:6, Мал. 3:7

+ 1:4 Заб. 77:8, 2 Вак. 36:15-16, Ирм. 5:13, Дон. 9:6

+ 1:6 Так. Шар. 28:2, Нав. 2:17

+ 1:8 Ваҳй 6:4, 4 Подш. 6:17, Зак. 6:2-7

+ 1:12 Заб. 79:5, Заб. 88:47, Ирм. 25:11, Ирм. 29:10, Дон. 9:2, Зак. 7:5

+ 1:14 Юил 2:18, Зак. 8:2

+ 1:15 Иш. 47:6

+ 1:16 Эзр. 6:14, Зак. 2:2

+ 1:17 Иш. 40:1, Иш. 14:1, Зак. 2:12

+ 1:19 3 Подш. 22:11

+ 2:1 Ҳиз. 40:3

+ 2:2 Зак. 1:16

+ 2:4 Иш. 49:19, Ирм. 31:27

+ 2:5 Иш. 4:5

+ 2:6 Иш. 48:20, Ҳиз. 5:10, Ҳиз. 17:21

+ 2:7 Иш. 52:11

+ 2:8 Так. Шар. 32:10, Заб. 16:8

+ 2:9 Ҳиз. 39:10, Зак. 2:11, Зак. 4:9, Зак. 6:15, Ҳиз. 2:5, Ҳиз. 33:33

+ 2:10 Иш. 12:6, Саф. 3:14, Зак. 9:9, Ҳиз. 37:27

+ 2:11 Эст. 9:27, Иш. 56:3, Зак. 8:22

+ 2:12 Так. Шар. 32:9, Зак. 1:17

+ 3:1 Эзр. 3:2, Эзр. 5:2, Наҳ. 12:1, 1 Вақ. 21:1, Айюб 1:6, Ваҳй 12:9-10

+ 3:2 Яҳ. 1:9, Ом. 4:11

+ 3:4 Луқ. 15:22, Иш. 61:10, Ваҳй 7:14, Ваҳй 19:8

+ 3:5 Хур. 29:6

+ 3:9 Иш. 28:16

+ 3:10 3 Подш. 4:25

+ 4:1 Дон. 8:18, Дон. 10:9

+ 4:2 Хур. 25:31, Хур. 25:37, Ваҳй 1:12, Ваҳй 4:5

+ 4:3 Ваҳй 11:4

+ 4:6 1 Вақ. 3:19, Эзр. 3:2, Эзр. 5:2, Нах. 12:1, Ҳаҷ. 1:1, Ҳаҷ. 2:20-23, Эзр. 5:2, Ҳуш. 1:7

+ 4:7 Иш. 28:16

+ 4:9 Эзр. 3:10, Зак. 2:9, Зак. 6:15, Ҳиз. 33:33

+ 4:10 Эзр. 3:12, Ҳаҷ. 2:3, 2 Вақ. 16:9, Мас. 5:21, Мас. 15:3

+ 4:14 Еҳ. 3:11, Мик. 4:13, Зак. 6:5

+ 5:1 Ҳиз. 2:9

+ 5:3 Так. Шар. 29:27, Иш. 24:6, Хур. 20:7, Хур. 20:15, Хур. 20:16

+ 5:4 Так. Шар. 28:15, Мас. 3:33, Мал. 2:2, Иб. 19:12, Мал. 3:5

+ 6:1 Дон. 2:39, 4 Подш. 6:17, Ваҳй 6:4

+ 6:3 Зак. 1:8, Ваҳй 6:2-4

+ 6:5 Еҳ. 3:11, Мик. 4:13, Зак. 4:14

+ 6:11 Зак. 3:1

+ 6:12 Зак. 3:8, Зак. 4:7, Зак. 4:9

+ 6:15 Иш. 60:10, Зак. 2:9, Зак. 4:9, Ҳиз. 33:33

+ 7:1 Зак. 1:1, Зак. 1:7, Наҳ. 1:1

+ 7:5 Ирм. 25:11, Ирм. 29:10, Дон. 9:2, Зак. 1:12, Иш. 58:5

+ 7:9 Иш. 1:17, Ирм. 21:12, Мик. 6:8

+ 7:10 Хур. 22:21-22, Так. Шар. 27:19, Мас. 22:22, Зак. 8:17

+ 7:12 Ҳиз. 3:9

+ 7:13 Мас. 1:24-28, Иш. 1:15, Ирм. 11:11

+ 7:14 Иб. 26:33

+ 8:2 Юил 2:18, Зак. 1:14

+ 8:3 Зак. 2:10, Иш. 1:26

+ 8:7 Иш. 43:5, Ҳуш. 11:11, Мик. 7:12

+ 8:8 Ирм. 31:33, Зак. 13:9

+ 8:9 Эзр. 3:10, Ҳаҷ. 2:18

+ 8:12 Иб. 26:4, Ҳаҷ. 2:19

+ 8:15 Ирм. 32:42

+ 8:16 Эфс. 4:25

+ 8:17 Зак. 7:10, Зак. 5:4

+ 8:21 Заб. 121:1, Иш. 2:3

+ 8:22 Зак. 2:11

+ 8:23 Иш. 45:14, 1 Қўр. 14:25

+ 9:1 Иш. 17:1, Ирм. 49:23, Ом. 1:3, 2 Вак. 16:9, Мас. 15:3, Зак. 4:10

+ 9:3 Айюб 27:16, Ҳиз. 28:4

+ 9:4 Иш. 23:1, Ирм. 47:4, Ҳиз. 26:2, Юил 3:4, Ом. 1:9

+ 9:7 Иб. 3:17

+ 9:9 Саф. 3:14, Зак. 2:10, Мат. 21:5, Юҳ. 12:15

+ 9:10 Иш. 2:4, Мик. 5:10, Ҳаҷ. 2:22, Заб. 71:8, Мик. 5:4

+ 9:11 Хур. 24:8, Ибр. 13:20, Ҳас. 37:24, Иш. 42:7, Иш. 51:14, Иш. 61:1, Ирм. 38:6

+ 9:12 Иш. 61:7

+ 9:13 Ҳас. 10:4

+ 9:14 2 Подш. 22:15, Заб. 17:15, Ҳаб. 3:11, Айюб 38:1

+ 9:16 Заб. 99:3, Иш. 62:3

+ 10:1 Иб. 26:4, Ирм. 14:22, Ҳиз. 34:26

+ 10:2 Ирм. 10:14, Ҳаб. 2:18, Так. Шар. 13:1, Ирм. 23:25, Ад. 27:17, 3 Подш. 22:17, Иш. 53:6, Ирм. 50:6, Ҳиз. 34:5, Мат. 9:36, Марқ. 6:34

+ 10:3 Ҳиз. 34:17

+ 10:4 Заб. 117:22

+ 10:5 2 Подш. 22:43, Заб. 17:42, Мик. 7:10

+ 10:7 Юил 2:23, Ҳаб. 3:18

+ 10:8 Иш. 49:19, Ҳиз. 36:11

+ 10:10 Иш. 11:11-12, Иш. 27:13, Ҳуш. 11:11, Мик. 7:12, Иш. 49:20

+ 10:11 Ҳиз. 30:13

+ 11:1 Иш. 2:13

+ 11:2 Иш. 2:13, Ҳиз. 27:6

+ 11:3 Ирм. 25:34, Ҳиз. 19:1-3

+ 11:5 Ҳуш. 12:8, Ваҳй 3:17, Ҳиз. 34:3

+ 11:6 Ирм. 13:14

+ 11:9 Ирм. 15:2

+ 11:12 Хур. 21:32, Мат. 26:15

+ 11:13 Мат. 27:9-10

+ 11:16 Ҳиз. 34:3-4

+ 11:17 Ирм. 23:1, Юҳ. 10:13, 1 Подш. 11:2

+ 12:1 Айюб 9:8, Заб. 103:2, Ирм. 10:12, Ирм. 51:15, Иш. 42:5, Иш. 48:13

+ 12:2 Заб. 74:8, Иш. 51:17, Иш. 51:22-23, Ирм. 25:15, Уб. 1:16, Ваҳй 14:10

+ 12:4 Так. Шар. 28:28

+ 12:6 Уб. 1:18

+ 12:10 Юҳ. 19:37, Ваҳй 1:7, Ирм. 6:26, Ом. 8:10

+ 12:11 2 Вак. 35:22

+ 13:1 Иб. 16:30, Ҳиз. 36:25

+ 13:2 Хур. 23:13, Ҳуш. 2:17, Мик. 5:13

+ 13:3 Так. Шар. 13:1-11

+ 13:4 Мик. 3:7, 4 Подш. 1:6

+ 13:7 Мат. 26:31, Марк. 14:27

+ 13:9 Айюб 23:10, Заб. 65:10, Иш. 1:25, Иш. 48:10, Ҳиз. 22:18, Мал. 3:3, Иб. 26:12, Ҳиз. 11:20

+ 14:1 Иш. 13:6, Юил 1:15, Уб. 1:15, Саф. 1:7

+ 14:2 Юил 3:2, Саф. 3:8, Нав. 5:11, Иш. 13:16, Мат. 24:40-41

+ 14:4 2 Подш. 15:30, Марқ. 11:1, Аъм. 1:12, Ҳиз. 11:23

+ 14:5 Ом. 1:1, Так. Шар. 33:2, Марқ. 8:38, 1 Тас. 3:13, Яҳ. 1:14

+ 14:7 Марқ. 13:32, Ваҳй 21:25

+ 14:8 Ҳиз. 47:1, Ваҳй 22:1, Юил 2:20

+ 14:9 Заб. 46:8, Дон. 7:14, Дон. 7:27, Уб. 1:21, Луқ. 1:33, 1 Қўр. 15:24, Ваҳй 11:15, Так. Шар. 6:4, Эфс. 4:5

+ 14:10 Еҳ. 15:32, Еҳ. 18:24, Ирм. 37:13, Ирм. 38:7, 4 Подш. 14:13, Наҳ. 3:1, Ирм. 31:38

+ 14:13 Ҳач. 2:22

+ 14:16 Иб. 23:34, Иб. 23:39-43, Иш. 2:2, Иш. 66:18

+ 14:17 3 Подш. 17:1, Иш. 60:12

+ 14:20 Хур. 28:36

+ 14:21 Марқ. 11:15, Юҳ. 2:14-15

*КИТОБИ*

# МАЛОКИИ НАБӢ

1 2 3 4

## Муҳаббати Худо ба Исроил ва носипосии вай.

# 1

1 Ваҳйи каломи Худованд дар бораи Исроил ба воситаи
Малокӣ.
2 Ман шуморо дӯст доштаам, мегӯяд Худованд. Вале шумо мегӯед:
«Муҳаббати Худро ба мо дар чӣ зоҳир намудаӣ?» Оё Эсови бародари
Яъқуб набуд? — мегӯяд Худованд. — Вале Ман Яъқубро дӯст доштам,+
3 Ва аз Эсов нафрат кардам, ва кӯҳҳои варо валангор намуда,
амлокашро макони шағолҳои биёбон гардонидам+.
4 Агар Адӯм бигӯяд: «Мо валангор гардидаем, вале харобазорро аз
нав бино хоҳем кард», пас Худованди лашкарҳо чунин мегӯяд: «Онҳо
бино хоҳанд кард, вале Ман вайрон хоҳам намуд, ва онҳоро ҳудуди
шарорат ва қавме хоҳанд номид, ки Худованд бар онҳо то абад ғазаб
кардааст»+.
5 Ва чашмони шумо инро хоҳад дид, ва шумо хоҳед гуфт:
«Кибриёи Худованд берун аз ҳудуди Исроил афзудааст».
6 Писар падарро иззат мекунад, ва ғулом — оғои худро; пас агар
Ман падар бошам, иззати Ман куҷост? Ва агар Ман оға бошам,
ҳайбати Ман куҷост? — мегӯяд Худованди лашкарҳо ба шумо, эй
коҳинон, ки исми Маро беҳурмат месозед, ва мегӯед: «Бо чӣ мо исми
Туро беҳурмат сохтаем?»+
7 Бар қурбонгоҳи Ман нони палид меоваред, ва мегӯед: «Бо чӣ мо
Туро беҳурмат сохтаем?» Бо ин ки дар дили худ мегӯед: «Суфраи
Худованд сазовори ҳурмат нест»+.
8 Ва ҳангоме ки шумо ҳайвони кӯрро барои қурбонӣ меоваред, оё
ин кор нодуруст нест? Ва ҳангоме ки ҳайвони ланг ва касалро
меоваред, оё ин кор нодуруст нест? Агар онро ба волии худ пешкаш
намоӣ, оё вай аз ту розӣ шуда, ба ту таваҷҷӯҳ хоҳад кард? — мегӯяд
Худованди лашкарҳо+.
9 Ва акнун ба ҳузури Худованд илтиҷо намоед, то ки бар мо
марҳамат кунад; модоме ки чунин кор аз дасти шумо омадааст, оё Ӯ
метавонад ба касе аз байни шумо таваҷҷӯҳ намояд? — мегӯяд
Худованди лашкарҳо.
10 Кошки касе низ аз байни шумо ёфт мешуд, ки дарҳоро бандад,
то ки бар қурбонгоҳи Ман бар абас оташ дарнагиронанд! Ҳусни

таваҷҷӯҳи Ман бар шумо нест, мегӯяд Худованди лашкарҳо, ва
ҳадияеро аз дасти шумо хоҳон нестам+.
11 Зеро ки аз тулӯи офтоб то ғуруби он исми Ман дар миёни
халқҳо бузург аст, ва дар ҳар ҷо ба исми Ман бухур ва ҳадияи поке
оварда мешавад, зеро ки исми Ман дар миёни халқҳо бузург аст,
мегӯяд Худованди лашкарҳо+.
12 Валекин шумо онро беҳурмат месозед бо ин ки дар дили худ
мегӯед: «Суфраи Худованд палид аст, ва неъматаш, яъне таомаш
сазовори ҳурмат нест».
13 Ва мегӯед: «Ин чӣ заҳмат аст!». Ва ба он беэътиноӣ мекунед,
мегӯяд Худованди лашкарҳо, ва ҳайвони даридашуда, ва ланг, ва
касалро меоваред, ва инро барои ҳадия меоваред; оё Ман онро аз
дасти шумо метавонам қабул кунам? — мегӯяд Худованд.
14 Ва малъун бод фиребгаре ки қӯчқори хубе дар рамаи худ дорад,
ва назр намудааст, вале ҳайвони маъюберо барои Худованд курбонӣ
мекунад, зеро ки Ман, мегӯяд Худованди лашкарҳо, Подшоҳи бузург
ҳастам, ва исми Ман дар миёни халқҳо саҳмгин аст+.

## Мазаммат кардани гуноҳҳои коҳинон ва тамоми қавм.

2 [1] Ва акнун барои шумо, эй коҳинон, чунин ҳукме ҳаст:+
[2] Агар нашнавед, ва агар дар дили худ ҷо накунед, ки бояд исми
Маро ҷалол диҳед, мегӯяд Худованди лашкарҳо, Ман бар шумо
лаънат хоҳам фиристод, ва баракоти шуморо лаънат хоҳам гуфт, ва
аллакай лаънат гуфтаам, чунки шумо инро дар дили худ ҷо
накардаед+.
[3] Инак, Ман аз боиси шумо зироатро лаънат хоҳам хонд, ва
саргинро, яъне саргини идҳои шуморо бар рӯйҳои шумо хоҳам
пошид, ва бо ахлот дур карда хоҳед шуд+.
[4] Ва хоҳед донист, ки Ман ин ҳукмро ба шумо фиристодаам, то ки
аҳди Ман бо Левӣ қоим бошад, мегӯяд Худованди лашкарҳо+.
[5] Аҳди Ман бо ӯ аҳди ҳаёт ва осоиштагӣ буд, ва Ман онҳоро ба
хотири тарси ӯ ба ӯ додам, ва ӯ аз Ман метарсид, ва аз исми Ман
ларзон буд.
[6] Шариати ҳақиқат дар даҳони ӯ буд, ва ноинсофӣ бар лабҳояш
ёфт намешуд; дар осоиштагӣ ва ростӣ ба ҳузури Ман рафтор
менамуд, ва касони бисьёрро аз гуноҳ боздошт+.
[7] Зеро ки лабҳои коҳин донишро маҳфуз медорад, ва шариатро аз
даҳони ӯ металабанд, зеро ки ӯ элчии Худованди лашкарҳост+.
[8] Вале шумо аз роҳ дур шуда, касони бисьёрро дар масъалаҳои
шариат дар иштибоҳ андохтед, ва аҳди Левиро шикастед, мегӯяд
Худованди лашкарҳо+.
[9] Бинобар ин Ман низ шуморо пеши тамоми қавм мутанаффир ва
залил хоҳам гардонид, чунон ки шумо роҳҳои Маро риоя накардед ва
дар масъалаҳои шариат бо рӯбинӣ рафтор намудед+.
[10] Ҳамаи мо, охир, як падар дорем, ва ҳамаи моро, охир, як Худо
офаридааст! Пас чаро дар ҳаққи якдигар хиёнат карда, аҳди падарони
худро беҳурмат созем+?

## Гуноҳи заношӯӣ бо завҷаи аҷнабӣ; аҳдшиканӣ нисбат ба Худо ва нисбат ба ёри худ.

[11] Яҳудо хиёнат кардааст, ва дар Исроил ва Ерусалим қабоҳат ба
амал омадааст, зеро ки Яҳудо қудси Худовандро, ки Ӯ дӯст медошт,

беҳурмат сохта, духтари худои бегонаро ба никоҳи худ даровардааст+.
[12] Худованд ҳар касро, ки чунин амал менамояд, ҳам касеро, ки
дар посгоҳаш бедор истода нидо мекунад, ҳам касеро, ки ба он нидо
ҷавоб мегардонад, ва ҳам касеро, ки барои Худованди лашкарҳо
ҳадия меоварад, аз хаймаҳои Яъқуб маҳв хоҳад кард.
[13] Ва ин аст амали дуюме ки шумо кардаед: курбонгоҳи
Худовандро бо ашк ва гирья ва нола пӯшонидаед, дар сурате ки Ӯ
дигар ба ҳадия назар намеандозад ва онро аз дасти шумо бо хусни
таваҷҷӯҳ қабул намекунад.
[14] Ва мегӯед: «Аз чӣ сабаб?» Аз он сабаб, ки Худованд дар миёни ту
ва завҷаи ҷавонии ту шоҳид буд, ва ту дар ҳаққи вай хиёнат кардаӣ,
ва ҳол он ки вай дӯсти ту ва завҷаи ҳамаҳди ту буд.
[15] Ва оё онҳоро Худои Ягона, ки ҳам ҷисм ва ҳам рӯҳ ба Ӯ тааллуқ
дорад, наофаридааст? Ва Он Ягона чиро хоҳон аст? Насли Худоро
хоҳон аст. Пас, рӯҳи худро нигоҳдорӣ намоед, ва зинҳор касе дар
ҳаққи завҷаи ҷавонин худ хиёнат накунад.
[16] «Зеро ки Ман аз талоқ нафрат дорам, мегӯяд Худованд Худои
Исроил, ва аз касе низ, ки зулмро бар либоси худ мепӯшад, мегӯяд
Худованди лашкарҳо; пас, рӯҳи худро нигохдорӣ намоед ва хиёнат
накунед»+.
[17] Шумо Худовандро бо суханони худ заҳмат медиҳед, ва мегӯед:
«Бо чӣ Ӯро заҳмат додаем?» Бо ин ки шумо мегӯед: «Ҳар бадкирдор
дар назари Худованд хуб аст, ва Ӯ ба онҳо таваҷҷӯҳ мекунад», ё ки:
«Худои адлу инсоф куҷост?»+

## Пешгӯӣ дар бораи Яҳъёи Таъмиддиҳанда ва дар бораи омадани Масеҳ.

3 [1] Инак, Ман қосиди Худро мефиристам, ва ӯ роҳро пеши Ман
холӣ хоҳад кард; ва ногаҳон Худованд, ки шумо толиби Ӯ ҳастед,
ба қасри Худ хоҳад омад, ва қосиди аҳд низ, ки шумо муштоқи Ӯ
мебошед; инак, меояд, мегӯяд Худованди лашкарҳо+.
[2] Ва кист, ки ба рӯзи омадани Ӯ тавонад тоб оварад? Ва кист, ки
дар вақти зуҳури Ӯ тавонад истодагӣ намояд? Зеро ки Ӯ мисли оташи
гудозанда ва мисли ишқори шустагарон хоҳад буд+.
[3] Ва ҳамчун гудозанда ва тозакунандаи нуқра нишаста, банӣ-
Левиро тоза хоҳад кард, ва онҳоро мисли тилло ва нуқра гудохта,
беғаш хоҳад гардонид, то ки ҳадияро барои Худованд аз сидқи дил
пешкаш намоянд+.
[4] Он гоҳ ҳадияи Яхудо ва Ерусалим ба Худованд писанд хоҳад
омад, чунон ки дар айёми қадим ва дар солҳои пешина буд.
[5] Ва Ман барои доварӣ назди шумо хоҳам омад, ва ба зидди
ҷодугарон ва зинокорон ва касоне ки қасами дурӯғ мехӯранд, ва ба
зидди онҳое ки музди муздур, бева ва ятимро намедиҳанд, ва нисбат
ба ғарибе каҷкорӣ мекунанд, ва аз Ман наметарсанд, бо зудӣ шаҳодат
хоҳам дод, мегӯяд Худованди лашкарҳо+.
[6] Зеро Ман, ки Худованд ҳастам, тағйир наёфтаам, ва аз ин рӯ
шумо, эй банӣ-Яъқуб, несту нобуд нашудаед+.

## Қавм Худоро ғорат мекунанд.

[7] Шумо аз айёми падарони худ аз фароизи Ман дур шуда, онҳоро
риоя накардаед. Сӯи Ман баргардед, ва Ман сӯи шумо хоҳам баргашт,
мегӯяд Худованди лашкарҳо. Шумо мегӯед: «Чӣ гуна баргардем?»
[8] Оё равост, ки одамизод Худоро ғорат кунад? Ва ҳол он ки шумо
Маро ғорат мекунед, ва мегӯед: «Дар чӣ бобат мо Туро ғорат
кардаем?», дар бобати ушр ва ионат.
[9] Шумо гирифтори лаънати сахт гардидаед, чунки шумо, яъне
тамоми халқ Маро ғорат кардаед+.
[10] Тамоми ушрро ба хазинахона биёред, то ки дар хонаи Ман
хӯроке бошад, ва бо ин Маро имтиҳон намоед, мегӯяд Худованди

лашкарҳо, ки оё Ман равзанҳои осмонро барои шумо намекушоям, ва
баракати аз ҳад зиёде бар шумо фурӯ намерезам+?
11 Ва Ман барои шумо фурӯбарандаи ҳосилро манъ хоҳам намуд,
ва самараи замини шуморо вай маҳв нахоҳад кард, ва ғӯраи токи
шумо дар саҳро нобуд нахоҳад шуд, мегӯяд Худованди лашкарҳо.
12 Ва шуморо ҳамаи халқҳо хушбахт хоҳанд хонд, зеро ки шумо
замини матлуб хоҳед буд, мегӯяд Худованди лашкарҳо.
13 Суханони шумо дар ҳаққи Ман сахт буд. Ва мегӯед: «Дар ҳаққи
Ту чӣ гуфтаем?»
14 Шумо гуфтед: «Ибодати Худо бефоида аст; чӣ суде дошт, ки мо
хизмати Ӯро ба ҷо овардем, ва ба ҳузури Худованди лашкарҳо
маҳзунона рафтор намудем+?
15 Ва алҳол мо хушбахтии ноинсофонро мушоҳида менамоем, ки
ба воситаи бадкорӣ ба некӯаҳволӣ ноил гардидаанд, ва Худоро
озмуда, аз ҷазо раҳо шудаанд»+.

## Дар бораи бақияи муқаддас.

16 Он вақт тарсгорони Худованд бо якдигар сухан меронданд, ва
Худованд гӯш андохта, инро мешунид, ва ба ҳузури Ӯ ин дар китоби
ёддошт, ки барои тарсгорони Худованд ва азиздорандагони исми Ӯ
мебошад, навишта мешуд+.
17 «Ва онҳо, мегӯяд Худованди лашкарҳо, дар он рӯзе ки Ман амал
намоям, барои Ман ганҷи гузин хоҳанд буд, ва Ман ба онҳо раҳм
хоҳам намуд, чунон ки одам ба писари худ, ки барои ӯ хизмат
мекунад, раҳм менамояд+.
18 Ва шумо аз нав фарқи байни одил ва шарирро, байни касе ки ба
Худо хизмат мекунад, ва касе ки ба Ӯ хизмат намекунад, хоҳед дид+.

## Дар бораи рӯзи Худованд ва омадани Масеҳ

**4** [1] Зеро инак, рӯзе ки мисли танӯр фурӯзон аст, меояд; ва ҳамаи
ноинсофон ва ҳамаи бадкорон мисли хас хоҳанд буд, ва он рӯзе ки
меояд, онҳоро хоҳад сӯзонид, мегӯяд Худованди лашкарҳо, ба тавре
ки барои онҳо решае ва шохае боқӣ нахоҳад гузошт+.
[2] Вале барои шумо, эй тарсгорони исми Ман, офтоби адолат тулӯъ
хоҳад намуд, ва дар шуоъҳои он шифо хоҳад буд; ва шумо берун
омада, мисли гӯсолаҳои охурӣ ҷастухез хоҳед кард+.
[3] Ва шариронро поймол хоҳед кард, зеро дар он рӯзе ки Ман амал
намоям, онҳо зери кафи пойҳои шумо мисли хокистар хоҳанд буд.
[4] Тавроти бандаи Ман Мусоро, ки ба ӯ дар Ҳӯриб бо фароиз ва
дастурҳо барои тамоми Исроил амр фармудаам, дар хотир нигоҳ
доред+.

## Ильёс аввал меояд.

[5] Инак, Ман Ильёси набиро пеш аз фаро расидани рӯзи бузург ва
саҳмгини Худованд назди шумо мефиристам+.
[6] Ва ӯ дили падаронро сӯи писарон, ва дили писаронро сӯи
падарон хоҳад баргардонид, мабодо биёям ва заминро ба таҳлука
гирифтор намоям»+.

---

+ 1:2 Так. Шар. 7:8, Ирм. 31:3

+ 1:3 Рум. 9:13, Иш. 34:5, Ирм. 49:10, Ҳиз. 35:3, Юил 3:19, Ом. 1:11, Уб. 1:1

+ 1:4 Иш. 34:5, Иш. 63:1, Ирм. 49:7-22, Ҳиз. 25:12-14, Ҳиз. 35, Ом. 1:11-12, Уб. 1:1-16

+ 1:6 Хур. 4:22, Ирм. 31:9, Ҳуш. 11:1, Мал. 2:1

+ 1:7 Иб. 3:11

+ 1:8 Иб. 22:20, Иб. 22:22, Так. Шар. 15:21

+ 1:10 Иш. 1:11-13, Ирм. 6:20, Ом. 5:21

+ 1:11 Заб. 112:3, Иш. 2:2-3, Иш. 56:7, Иш. 60:3, Иш. 66:19

+ 1:14 Хур. 12:5, Заб. 23:10, Заб. 46:2-3, Заб. 75:12

+ 2:1 Мал. 1:6

+ 2:2 Так. Шар. 28:15, Мас. 3:33, Зак. 5:4, Так. Шар. 28:15-20

+ 2:3 Хур. 29:14

+ 2:4 Ад. 3:12

+ 2:6 Иб. 10:11, Так. Шар. 33:10

+ 2:7 Мас. 5:2, Так. Шар. 17:9

+ 2:8 Ҳиз. 22:26

+ 2:9 Так. Шар. 1:17, Так. Шар. 16:19

+ 2:10 Эфс. 4:6

+ 2:11 Эзр. 9:2, Наҳ. 13:23

+ 2:16 Мат. 19:6, Марқ. 10:9, Луқ. 16:18, 1 Қӯр. 7:10-11

+ 2:17 Иш. 43:24, Иш. 5:20, Айюб 23

+ 3:1 Хур. 23:20, Мат. 11:10, Марқ. 1:2, Луқ. 1:76, Луқ. 7:27

+ 3:2 Заб. 75:8, Юил 2:11, Наҳум 1:6, Ваҳй 6:17

+ 3:3 Иш. 1:25, Ҳиз. 22:18, Зак. 13:9

+ 3:5 Иб. 19:31, Хур. 20:14, Хур. 20:16, Иб. 19:12, Иб. 19:13, Так. Шар. 24:17

+ 3:6 Ад. 23:19, Заб. 101:27-28, Яъқ. 1:17, Аъм. 7:51, Иш. 31:6, Зак. 1:3

+ 3:9 Мал. 2:2

+ 3:10 Иб. 26:4, 4 Подш. 7:2, Ирм. 14:22, Ҳиз. 34:26, Зак. 10:1, 2 Вак. 31:10, Мас. 3:9-10

+ 3:14 Айюб 9:22, Айюб 35:3, Иш. 58:3, Саф. 1:12

+ 3:15 Айюб 21:14-15, Айюб 22:17, Заб. 72:3-4, Ирм. 12:1

+ 3:16 Хур. 32:32, Заб. 55:9, Заб. 68:29

+ 3:17 Хур. 19:5, 1 Пет. 2:9, Заб. 102:13

+ 3:18 Хур. 11:7

+ 4:1 Мат. 3:12, Ибр. 6:8, Иш. 47:14

+ 4:2 Заб. 83:12, Луқ. 1:78

+ 4:4 Хур. 20:3-17, Так. Шар. 4:10

+ 4:5 Мал. 3:1, Мат. 11:14, Мат. 17:10, Марқ. 9:11, Юҳ. 1:21

+ 4:6 Лук. 1:17

# КИТОБИ МУҚАДДАС

## АҲДИ ҶАДИД


Инҷили Матто | Инҷили Марқӯс
Инҷили Луқо | Инҷили Юҳанно
Аъмоли Ҳаввориён | Яъқуб
1 Петрус | 2 Петрус
1 Юҳанно | 2 Юҳанно
3 Юҳанно | Яҳудо
Ба Румиён | 1 Ба Қӯринтиён
2 Ба Қӯринтиён | Ба Ғалотиён
Ба Эфсӯсиён | Ба Филиппиён
Ба Қӯлассиён | 1 Ба Таслӯникиён
2 Ба Таслӯникиён | 1 Ба Тимотиюс
2 Ба Тимотиюс | Ба Титус

[Филемӯн](#) [Ба Ибриён](#)
[Ваҳйи Юҳанно](#)

# ИНҶИЛИ МАТТО

1 2 3 4 5 6 7 8 9 10
11 12 13 14 15 16 17 18 19 20
21 22 23 24 25 26 27 28

## Насабномаи Исо.

1 [1] •Насабномаи Исои Масеҳ, Писари Довуд, Писари Иброҳим+.
[2] Иброҳим Исҳоқро ба дуньё овард; ва Исҳоқ Яъқубро ба дуньё
овард; ва Яъқуб Яҳудо ва бародарони ӯро ба дуньё овард;+
[3] Ва Яҳудо Форас ва Зораҳро аз Томор ба дуньё овард; ва Форас
Ҳесрӯнро ба дуньё овард; ва Ҳесрӯн Ромро ба дуньё овард;+
[4] Ва Ром Аминодобро ва дуньё овард; ва Аминодоб Наҳшӯнро ба
дуньё овард; ва Наҳшӯн Салмӯнро ба дуньё овард;+
[5] Ва Салмӯн Бӯазро аз Роҳоб ба дуньё овард; ва Бӯаз Убидро аз Рут
ба дуньё овард; ва Убид Йисойро ба дуньё овард;+
[6] Ва Йисой подшоҳ Довудро ба дуньё овард; ва подшоҳ Довуд
Сулаймонро аз зани Уриё ба дуньё овард;+
[7] Ва Сулаймон Раҳабъомро ба дуньё овард; ва Раҳабъом Абиёро ба
дуньё овард; ва Абиё Осоро ба дуньё овард;+
[8] Ва Осо Еҳӯшофотро ба дуньё овард; ва Еҳӯшофот Еҳӯромро ба
дуньё овард; ва Еҳӯром Узиёро ба дуньё овард;+
[9] Ва Узиё Ютомро ба дуньё овард; ва Ютом Оҳозро ба дуньё овард;
ва Оҳоз Ҳизқиёро ба дуньё овард;
[10] Ва Ҳизқиё Менашшеро ба дуньё овард; ва Менашше Омӯнро ба
дуньё овард; ва Омӯн Йӯшиёро ба дуньё овард;
[11] Ва Йӯшиё Еконьё ва бародарони ӯро дар замони ҷалои Бобил ба
дуньё овард;+
[12] Ва баъд аз ҷалои Бобил Еконьё Шаалтиилро ба дуньё овард; ва
Шаалтиил Зарубобилро ба дуньё овард;+
[13] Ва Зарубобил Абиҳудро ба дуньё овард; ва Абиҳуд Эльёқимро ба
дуньё овард; ва Эльёқим Озурро ба дуньё овард;
[14] Ва Озур Содӯқро ба дуньё овард; ва Содӯқ Ёкинро ба дуньё овард;
ва Ёкин Элиҳудро ба дуньё овард;
[15] Ва Элиҳуд Элъозорро ба дуньё овард; ва Элъозор Маттонро ба
дуньё овард; ва Маттон Яъқубро ба дуньё овард;
[16] Ва Яъқуб Юсуф, шавҳари Марьямро ба дуньё овард, ва аз Марьям
Исо таваллуд ёфт, ки Масеҳ номида мешавад+.
[17] Пас, ҳамаи наслҳо аз Иброҳим то Довуд чордаҳ насл аст; ва аз
Довуд то ҷалои Бобил чордаҳ насл аст; ва аз ҷалои Бобил то Масеҳ

чордаҳ насл аст.

## Ҳомилагии Марьям ва таваллуди Исои Масеҳ.

18 •Ва мавлуди Исои Масеҳ чунин буд: вақте ки модари Ӯ Марьям
ба ақди Юсуф даромад, пеш аз он ки ҳамбистар шаванд, маълум
гардид, ки вай аз Рӯҳулқудс ҳомиладор аст+.
19 Ва шавҳари вай Юсуф, ки марди одил буд ва намехост вайро
нангин кунад, ба дили худ гуфт, ки вайро пинҳонӣ ҷавоб дода
фиристонам+.
20 Аммо вақте ки ӯ дар чунин андеша буд, фариштаи Худованд дар
хоби ӯ зоҳир шуда, гуфт: «Эй Юсуф, писари Довуд! Аз гирифтани зани
худ Марьям натарс; зеро ки он чи дар вай ба вуҷуд омадааст, аз
Рӯҳулқудс аст;
21 Ва Писаре хоҳад зоид, ва ту Ӯро Исо хоҳӣ номид; зеро ки Ӯ
қавми Худро аз гуноҳҳошон наҷот хоҳад дод»+.
22 Ва ҳамаи ин воқеъ шуд, то ба амал ояд каломе ки Худованд бо
забони набӣ гуфтааст:+
23 «Инак, бокирае ҳомила хоҳад шуд ва Писаре хоҳад зоид, ва Ӯро
Имонуил хоҳанд номид, ки маъноям ин аст: Худо бо мо».
24 Ва Юсуф аз хоб бедор шуда, ончунон рафтор кард, ки фариштаи
Худованд ба ӯ фармуда буд, ва зани худро қабул кард.
25 Ва бо вай ҳамбистар нашуд то даме ки вай Писари нахустини
худро зоид, ва Ӯро Исо ном ниҳод.

## Омадани мунаҷҷимон.

2 1 Чун Исо дар айёми подшоҳ Ҳиродус дар Байт-Лаҳми Яҳудо
таваллуд ёфт, аз ҷониби шарқ ба Ерусалим мунаҷҷимон омада,
гуфтанд:+
2 «Куҷост он Подшоҳи Яҳудиён, ки таваллуд ёфт? Зеро ки ситораи
Ӯро дар шарқ дидем ва омадем, ки Ӯро парастиш кунем»+.
3 Чун подшоҳ Ҳиродус инро шунид, дар изтироб афтод, ва бо вай
тамоми Ерусалим ҳам.
4 Ва ҳамаи саркоҳинон* ва китобдонони* қавмро ҷамъ карда, аз
онҳо пурсид, ки Масеҳ дар куҷо бояд таваллуд ёбад?
5 Ба вай гуфтанд: «Дар Байт-Лаҳми Яҳудо, зеро ки ба воситаи набӣ
чунин навишта шудааст:
6 „Ва ту, эй Байт-Лаҳм, замини Яҳудо,
аз дигар ноҳияҳои Яҳудо ҳеҷ камӣ надорӣ;
зеро ки аз ту Пешвое ба майдон хоҳад омад,
ки Ӯ қавми Ман — Исроилро чӯпонӣ хоҳад кард“»+.
7 Он гоҳ Ҳиродус мунаҷҷимонро пинҳонӣ даъват намуда, вақти
пайдоиши ситораро аз онҳо фаҳмида гирифт,
8 Ва онҳоро ба Байт-Лаҳм равона карда, гуфт: «Биравед ва аз
аҳволи Кӯдак дурустакак пурсуҷӯй кунед ва ҳамин ки Ӯро ёфтед, ба
ман хабар диҳед, то ки ман ҳам рафта, Ӯро парастиш кунам».
9 Онҳо суханони подшоҳро шунида, равона шуданд. Ва инак,
ситорае ки дар шарқ дида буданд, пешопеши онҳо мерафт ва ба
болои он ҷое ки Кӯдак буд, расида, биистод.
10 Ва ситораро дида, беандоза шод ва хушҳол гардиданд,
11 Ва ба хона даромада, Кӯдакро бо модараш Марьям диданд, ва
зону зада, Ӯро парастиш карданд; ва ганҷинаҳои худро кушода,
инъомҳои тилло, лодан ва мур ба Ӯ тақдим карданд+.
12 Ва чун дар хоб ба онҳо ваҳй омад, ки ба назди Ҳиродус
барнагарданд, онҳо аз роҳи дигар ба ватани худ равона шуданд+.

## Фирор ба Миср.

13 Вақте ки онҳо баромада рафтанд, фariштаи Худованд дар хоб ба
Юсуф зоҳир шуда, гуфт: «Бархез ва Кӯдакро бо модараш гирифта, ба

Миср фирор кун ва дар он ҷо бош, то вақте ки ба ту гӯям; зеро ки
Ҳиродус Кӯдакро ҷустуҷӯ хоҳад намуд, то ки Ӯро нобуд кунад».
14 Ва шабона бархоста, Кӯдакро бо модараш гирифта, сӯи Миср
равона шуд,
15 Ва то вафоти Ҳиродус дар он ҷо бимонд, то ба амал ояд каломе
ки Худованд бо забони набӣ гуфтааст: «Аз Миср Писари Худро
хондам»+.

## Қамли кӯдакон.

16 Чун Ҳиродус дид, ки мунаҷҷимон ӯро фиреб доданд, бисьёр
хашмгин шуд ва фиристода, ҳамаи кӯдаконро дар Байт-Лаҳм ва
тамоми ҳудуди он, мувофиқи вақте ки аз мунаҷҷимон фаҳмида
гирифта буд, аз дусола ва камтар ба қатл расонд.
17 Он гоҳ ба амал омад каломе ки бо забони Ирмиёи набӣ гуфта
шудааст:+
18 «Овозе дар Ромо шунида шуд,
овози гирья ва нола ва мотами азим;
Роҳел барои фарзандони худ гирья мекунад ва тасаллӣ намеёбад,
зеро ки нестанд»+.

## Баргаштан ба Носира.

19 Чун Ҳиродус мурд, фариштаи Худованд дар Миср ба Юсуф дар
хоб зоҳир шуд,
20 Ва гуфт: «Бархез, Кӯдакро бо модараш гирифта, ба сарзамини
Исроил равона шав, зеро онҳое ки қасди ҷони Кӯдак доштанд,
мурданд».
21 Ва ӯ бархоста, Кӯдакро бо модараш гирифт ва ба сарзамини
Исроил омад.
22 Лекин чун шунид, ки Аркилоус ба ҷои падари худ Ҳиродус дар
Яҳудо подшоҳӣ мекунад, аз рафтан ба он ҷо тарсид; ва дар хоб ваҳй
ёфта, ба ноҳияи Ҷалил рафт,
23 Ва чун расид, дар шаҳре ки Носира ном дорад, маскан гирифт,
то ба амал ояд каломе ки бо забони набӣ гуфта шудааст, ки Ӯ Носирӣ
хонда хоҳад шуд+.

## Хизматгузории Яҳёи Таъмиддиҳанда;
## шаҳодати ӯ дар бораи Исо.

3 1 •Дар он айём Яҳёи Таъмиддиҳанда зоҳир шуда, дар биёбони
Яҳудо мавъиза мекард,+
2 Ва мегуфт: «Тавба кунед, зеро ки Малакути Осмон наздик аст»+.
3 Зеро ӯ ҳамон аст, ки Ишаъёи набӣ аз ӯ хабар дода, гуфтааст:
«Овози нидокунандае дар биёбон:
„роҳи Худовандро тайёр кунед,
тариқи Ӯро рост кунед“»+.
4 Ва ин Яҳё либосе аз пашми шутур дар бар ва камарбанде аз
чарм дар камар дошт; ва хӯроки ӯ малах ва асали ёбоӣ буд+.
5 Он вақт аҳли Ерусалим ва тамоми Яҳудо ва музофоти Урдун
назди ӯ берун меомаданд,
6 Ва ба гуноҳҳои худ иқрор шуда, дар рӯди Урдун таъмид
меёфтанд+.
7 Чун бисёре аз фарисиён* ва саддуқиёнро* дид, ки назди ӯ барои
таъмид меоянд, ба онҳо гуфт: «Эй афъизодагон! Кӣ ба шумо талқин
кард, ки аз ғазаби оянда бигрезед+?
8 Акнун самаре оваред, ки сазовори тавба бошад,
9 Ва дар дили худ нагӯед, ки „падари мо Иброҳим аст“; зеро ба
шумо мегӯям, ки Худо қодир аст аз ин сангҳо барои Иброҳим
фарзандон ба вуҷуд оварад;+
10 Ва алҳол теша бар решаи дарахтон гузошта шудааст: ҳар дарахте
ки меваи нағз надиҳад, бурида ва дар оташ андохта хоҳад шуд;+
11 Ман шуморо бо об барои тавба таъмид медиҳам, лекин Он ки
пас аз ман меояд, аз ман тавонотар аст; ман сазовори он нестам, ки
пойафзоли Ӯро бардорам; Ӯ шуморо бо Рӯҳулқудс ва оташ таъмид
ҳоҳад дод;+
12 Ӯ ғалбери Худро дар даст дорад, ва Ӯ хирмангоҳи Худро тоза
карда, гандуми Худро дар анбор гирд хоҳад оварда, лекин коҳро дар
оташи ҳомӯшнашаванда ҳоҳад сӯзонд»+.

## Таъмиди Исо.

13 •Он гоҳ Исо аз Ҷалил ба Урдун назди Яҳьё омад, то ки аз вай
таъмид ёбад.
14 Лекин Яҳьё Ӯро боздошта, гуфт: «Маро лозим аст, ки аз Ту
таъмид ёбам, ва Ту назди ман меоӣ?»
15 Исо дар ҷавоби вай гуфт: «Алҳол бигзор; зеро ки моро лозим аст
ҳар навъ адолатро ин тавр ба ҷо оварем». Пас Яҳьё Ӯро вогузошт.
16 Ва Исо таъмид ёфта, дарҳол аз об баромад, ва инак, осмон ба рӯи
Ӯ кушода шуд, ва Рӯҳи Худоро дид, ки чун кабӯтаре нозил шуда, бар Ӯ
қарор мегирад+.
17 Ва инак, овозе аз осмон расид, ки мегуфт: «Ин аст Писари
Маҳбуби Ман, ки ҳусни таваҷҷӯҳи Ман бар Ӯст»+.

## Озмоиши Исо.

4 1 •Он гоҳ Рӯҳ Исоро ба биёбон бурд, то ки Ӯро иблис биозмояд,
2 Ва чил шабонарӯз рӯза дошта, ниҳоят гурусна монд+.
3 Ва озмоишкунанда назди Ӯ омада, гуфт: «Агар Ту Писари Худо
бошӣ, ба ин сангҳо бигӯй, ки нон шаванд»+.
4 Дар ҷавоб гуфт: «Навишта шудааст, ки „одамизод на танҳо бо нон
зиндагӣ мекунад, балки бо ҳар калимае ки аз даҳони Худо
барояд“»+.
5 Пас иблис Ӯро ба шаҳри муқаддас гирифта бурд ва бар кунгураи
маъбад гузошт,+
6 Ва ба Ӯ гуфт: «Агар Ту Писари Худо бошӣ, Худро ба зер андоз;
зеро ки навишта шудааст:
„Ба фариштагони Худ дар бораи Ту амр ҳоҳад дод,
ва Туро бар кафҳои худ бардошта хоҳанд бурд,
ки мабодо пои Худро ба санге бизанӣ“»+.
7 Исо ба вай гуфт: «Ҳамчунин навишта шудааст: „Худованд Худои
худро наозмой“»+.
8 Боз иблис Ӯро ба кӯҳи бисьёр баланде бардошта бурд ва ҳамаи
мамлакатҳои ҷаҳон ва ҷалоли онҳоро ба Ӯ нишон дод,
9 Ва ба Ӯ гуфт: «Агар рӯй ба замин ниҳода, ба ман саҷда кунӣ,
ҳамаи онҳоро ба Ту медиҳам».
10 Он гоҳ Исо ба вай гуфт: «Аз Ман дур шав, эй шайтон; зеро ки
навишта шудааст: „Ба Худованд Худои худ саҷда кун ва танҳо Ӯро
ибодат намо“»+.
11 Пас иблис Ӯро вогузошт, — ва инак, фариштагон омада, Ӯро
парасторӣ карданд+.

## Исо ба Кафарнаҳум омада,
## ба хизматгузории ҷамъиятӣ шурӯъ менамояд.

12 •Чун Исо шунид, ки Яҳьё дастгир шудааст, ба Ҷалил равона
шуд+.
13 Ва Носираро тарк карда, дар Кафарнаҳум, ки дар канори баҳр
аст, дар ҳудуди Забулун ва Нафтолӣ маскан гирифт,+

[14] То ба амал ояд каломе ки бо забони Ишаъёи набӣ гуфта
шудааст:+
[15] «Замини Забулун ва замини Нафтолӣ,
дар роҳи канори баҳр,
он тарафи Урдун, Ҷалили халқҳо,
[16] Қавме ки дар торикӣ мезистанд,
нури азиме диданд,
ва бар онҳое ки дар кишвари марг ва сояи он менишастанд,
нуре дурахшид»+.
[17] Аз ҳамон вақт Исо ба мавъиза оғоз намуд ва гуфт: «Тавба кунед,
зеро ки Малакути Осмон наздик аст».

## Ба хизматгузорӣ даъват кардани Петрус ва Андриёс.

[18] •Ва чун аз канори баҳри Ҷалил мегузашт, ду бародарро:
Шимъӯнро, ки Петрус меномиданд, ва бародари ӯ Андриёсро дид, ки
дар баҳр тӯр меандохтанд; зеро ки сайёди моҳӣ буданд;+
[19] Ва ба онҳо гуфт: «Маро пайравӣ кунед, ва Ман шуморо сайёди
мардум гардонам»+.
[20] Дарҳол онҳо тӯрҳои худро монда, аз паи Ӯ равона шуданд+.

## Даъват кардани Яъқуб ва Юҳанно.

## Фаъолияти Исо дар тамоми Ҷалил.

[21] Чун аз он ҷо гузашт, ду бародари дигарро, Яъқуб ибни Забдой ва
бародари вай Юҳанноро дид, ки дар қаиқ бо падари худ Забдой
тӯрҳои худро таъмир мекарданд, ва онҳоро даъват намуд.
[22] Ва онҳо дарҳол қаиқ ва падари худро гузошта, аз паи Ӯ равона
шуданд.
[23] •Ва Исо дар тамоми Ҷалил мегашт ва дар куништҳои онҳо
таълим дода, Инҷили Малакутро мавъиза мекард ва ҳар бемориӣ ва
ҳар дарди мардумро шифо мебахшид+.
[24] Ва овозаи Ӯ дар тамоми Сурия паҳн шуд; ва ҳамаи беморонро,
ки ба дарду касалиҳои гуногун гирифтор буданд, ҳам девонагон, ҳам
масрӯон ва ҳам мафлуҷонро назди Ӯ меоварданд, ва Ӯ онҳоро шифо
мебахшид+.

25 Ва мардуми бисьёре аз Ҷалил, Декаполис, Ерусалим, Яҳудо ва он
тарафи Урдун аз паи Ӯ равона буданд+.

## Мавъизаи болои кӯҳ.

## Аҳкоми хушбахтӣ.

5 [1] Чун мардумро дид, бар фарози кӯҳе баромад ва биншаст; ва
шогирдонаш назди Ӯ ҳозир шуданд.
[2] Он гоҳ Ӯ даҳони Худро кушода, онҳоро таълим дод ва гуфт:
[3] •«Хушо мискинони рӯҳ, зеро ки Малакути Осмон аз они онҳост+.
[4] Хушо мотамзадагон, зеро ки онҳо тасаллӣ хоҳанд ёфт+.
[5] Хушо ҳалимон, зеро ки онҳо ворисі замин хоҳанд шуд+.
[6] Хушо гуруснагон ва ташнагони адолат, зеро ки онҳо сер хоҳанд
шуд+.
[7] Хушо раҳимон, зеро ки онҳо раҳм хоҳанд ёфт+.
[8] Хушо покдилон, зеро ки онҳо Худоро хоҳанд дид+.
[9] Хушо сулҳҷӯён, зеро ки онҳо фарзандони Худо хонда хоҳанд
шуд+.
[10] Хушо таъқибшудагон дар роҳи адолат, зеро ки Малакути Осмон
аз они онҳост.
[11] Хушо шумо, вақте ки шуморо ба хотири Ман дашном диҳанд ва
таъқиб намоянд ва барноҳақ ҳар навъ ғайбат кунанд+.
[12] Шод ва хушҳол бошед, чунки мукофоти шумо дар осмон бузург
аст: зеро ки анбиёи пеш аз шуморо низ ҳамин тавр таъқиб
мекарданд+.

## Вазифаи имондорон дар ҷаҳон.

[13] •Шумо намаки ҷаҳон ҳастед. Лекин агар намак қувваташро гум
кунад, ба кадом чиз боз намакин шавад? Дигар ҳеҷ кор намеояд, ҷуз
он ки ба берун партофта шавад ва поймоли мардум гардад.
[14] Шумо нури ҷаҳон ҳастед. Шаҳре ки бар фарози кӯҳ воқеъ аст,
наметавонад аз назар пинҳон шавад+.
[15] Шамъро низ даргиронда, на дар зери зарфе, балки бар шамъдон
мегузоранд, ва он гоҳ ба ҳама касоне ки дар хонаанд, рӯшноӣ
медиҳад+.
[16] Ҳамчунин бигзор нури шумо бар мардум битобад, то ки аъмоли
неки шуморо дида, ба Падари шумо, ки дар осмон аст, ҳамду сано
хонанд+.

## Муносибати Исо ба Таврот.

[17] Гумон накунед, ки барои вайрон кардани Таврот ё суҳафи анбиё
омадаам; наомадаам, ки вайрон кунам, балки ба ҷо оварам+.
[18] Зеро ки ба ростӣ ба шумо мегӯям: то осмон ва замин фано
нашавад, ҳеҷ як ҳарфе ва ё нуқтае аз Таврот ба фано нахоҳад рафт, то
даме ки ҳамааш иҷро шавад+.
[19] Пас, ҳар кӣ яке аз ин аҳкоми хурдтаринро вайрон кунад ва ба
мардум чунин таълим диҳад, вай дар Малакути Осмон хурдтарин
шумурда хоҳад шуд; вале ҳар кӣ ба амал оварад ва таълим диҳад, вай
дар Малакути Осмон бузург хонда хоҳад шуд+.
[20] Зеро ки ба шумо мегӯям: агар адолати шумо аз адолати
китобдонон ва фарисиён бартарӣ надошта бошад, ба Малакути Осмон
дохил нахоҳед шуд+.

## Ҳукми шашум.

[21] Шунидаед, ки ба қадимиён гуфта шудааст: „Қатл накун; ҳар кӣ
қатл кунад, лоиқи ҳукми дорулқазо хоҳад буд“+.
[22] Лекин Ман ба шумо мегӯям: ҳар кӣ ба бародари худ беҳуда
хашм гирад, лоиқи ҳукми дорулқазо хоҳад буд; ҳар кӣ бародари
худро „реқо“* гӯяд, лоиқи ҳукми шӯрои пирон хоҳад буд; ва ҳар кӣ
„аҳмақ“ гӯяд, лоиқи оташи дӯзах хоҳад шуд+.
[23] Пас, ҳангоме ки қурбонии худро назди қурбонгоҳ меоварӣ, ва
дар он ҷо ба хотиратояд, ки бародарат аз ту норозист,
[24] Қурбонии худро дар он ҷо назди қурбонгоҳ бимон, ва рафта,
аввал бо бародари худ мувосо кун, ва баъд омада, қурбонии худро
тақдим кун.
[25] Ханӯз ки бо даъвогари худ дар роҳ ҳастӣ, зуд бо вай оштӣ шав,
то ки даъвогар туро ба қозӣ насупорад, ва қозӣ туро ба мулозим
насупорад, ва туро ба зиндон наандозанд;+
[26] Ба ростӣ ба ту мегӯям: то фулуси охиринро адо накунӣ, аз он ҷо
берун нахоҳӣ рафт.

## Ҳукми ҳафтум.

[27] Шунидаед, ки ба қадимиён гуфта шудааст: „Зино накун“+.
[28] Лекин Ман ба шумо мегӯям: ҳар кӣ ба зане бо чашми
шаҳватомез нигоҳ кунад, дар дили худ бо вай зино карда бошад+.

[29] Пас агар чашми ростат туро ба васваса андозад, онро канда, аз
худ дур кун; зеро барои ту беҳтар аст, ки яке аз андомат талаф
гардад, ва тамоми ҷисмат ба дӯзах андохта нашавад.
[30] Ва агар дасти ростат туро ба васваса андозад, онро бурида, аз худ
дур кун; зеро барои ту беҳтар аст, ки яке аз андомат талаф гардад, ва
тамоми ҷисмат ба дӯзах андохта нашавад+.

## Исо дар бораи талоқ.

[31] •Ҳамчунин гуфта шудааст: „Ҳар кӣ аз зани худ ҷудо мешавад,
бояд талоқномае ба вай диҳад“+.
[32] Лекин Ман ба шумо мегӯям: ҳар кӣ аз зани худ, ғайр аз айби
зино, ҷудо шавад, боиси зинокории вай мегардад; ва ҳар кӣ зани
талоқшударо гирад, зино карда бошад+.

## Исо дар бораи қасам.

[33] Боз шунидаед, ки ба қадимиён гуфта шудааст: „Қасами дурӯғ ёд
накун ва ба қасами худ дар назди Худованд вафо кун“+.
[34] Лекин Ман ба шумо мегӯям: ҳаргиз қасам ёд накун: на ба осмон,
зеро ки тахти Худост;+
[35] На ба замин, чунки пойандози Ӯст; на ба Ерусалим, чунки шаҳри
Подшоҳи бузург аст;+
[36] Ва на ба сари худ қасам ёд кун, чунки қодир нестӣ як тори
мӯйро сафед ё сиёҳ кунӣ.
[37] Балки сухани шумо: „оре, оре“ ва „не, не“ бошад; он чи зиёда аз
ин бошад, аз иблис аст+.

## Ғалаба бар адоват ба воситаи муҳаббат.

[38] •Шунидаед, ки гуфта шудааст: „Чашме дар ивази чашме,
дандоне дар ивази дандоне“+.
[39] Лекин Ман ба шумо мегӯям: ба бадӣ муқобилат накун. Балки
агар касе ба рухсораи рости ту торсакӣ занад, дигарашро низ ба сӯи ӯ
бигардон;+
[40] Ва агар касе ба ту даъво карда, куртаатро гирифтанӣ шавад,
ҷомаи худро низ ба ӯ бидеҳ;
[41] Ва ҳар кӣ туро ба тай кардани як фарсанг роҳ маҷбур кунад,
ҳамроҳи ӯ ду фарсанг бирав.

42 Ба касе ки аз ту металабад, бидеҳ, ва аз касе ки мехоҳад аз ту
қарз гирад, рӯ нагардон+.
43 Шунидаед, ки гуфта шудааст: „Ёри худро дӯст бидор ва аз
душмани худ нафрат кун“+.
44 Лекин Ман ба шумо мегӯям: душманони худро дӯст бидоред,
барои лаънаткунандагони худ баракат бихоҳед, ба
нафраткунандагони худ некӣ кунед ва барои озордиҳандагону
таъқибкунандагони худ дуо гӯед,+
45 То ки фарзандони Падари худ, ки дар осмон аст, гардед; зеро Ӯ
офтоби Худро бар бадону некон тулӯъ мекунонад ва борон бар
одилону золимон меборонад+.
46 Зеро ки агар дӯстдорандагони худро дӯст бидоред, чӣ мукофоте
хоҳед ёфт? Оё боҷгирон низ чунин намекунанд?
47 Ва агар танҳо ба бародарони худ салом гӯед, чӣ бартарие доред?
Оё боҷгирон низ чунин намекунанд?
48 Пас, комил бошед, чунон ки Падари шумо, ки дар осмон аст,
комил аст»+.

## Давоми мавъизаи болои кӯҳ.

## Маҳкум кардани намуди зоҳирӣ дар дин.

6 1 «Зинҳор, садақаи худро дар пеши назари мардум ба амал
наоваред, то ки онҳо шуморо бубинанд; вагар на шумо аз Падари
худ, ки дар осмон аст, мукофоте нахоҳед дошт+.

2 Пас, вақте ки садақае медиҳӣ, пешопеши худ карнай нанавоз,
чунон ки риёкорон дар куништҳо ва кӯчаҳо мекунанд, то ки мардум
онҳоро таъриф кунанд. Ба ростӣ ба шумо мегӯям: онҳо мукофоти
худро гирифтаанд+.

3 Аммо вақте ки ту садақа медиҳӣ, бигзор дасти чапат аз он чи
дасти ростат мекунад, хабардор нашавад,

4 То ки садақаи ту дар ниҳон бошад; ва Падари ту, ки ниҳонбин
аст, ба ту ошкоро мукофот хоҳад дод.

5 •Ва ҳангоме ки дуо мегӯӣ, монанди риёкорон набош, ки онҳо
дӯст медоранд дар куништҳо ва бурчакҳои кӯчаҳо истода дуо гӯянд,
то ки ба мардум худро нишон диҳанд. Ба ростӣ ба шумо мегӯям: онҳо
мукофоти ҳудро гирифтаанд+.

6 Лекин ту, вақте ки мехоҳӣ дуо гӯӣ, ба ҳуҷраи ҳуд даро ва дарро
баста, ба Падари худ, ки ниҳон аст, дуо гӯй; ва Падари ту, ки
ниҳонбин аст, ба ту ошкоро мукофот ҳоҳад дод+.

7 Ва дар вақти дуо чун халқҳо пургӯӣ накунед; зеро онҳо гумон
мекунанд, ки ба туфайли пургӯӣ дуояшон мустаҷоб мешавад;+

## Муносибати нав ба дуо.

8 Монанди онҳо набошед; зеро Падари шумо тамоми эҳтиёҷоти
шуморо, пеш аз он ки талаб кунед, медонад.

9 Пас ба ин мазмун дуо гӯед:
„Эй Падари мо, ки дар осмонӣ!
исми Ту муқаддас бод;
10 Малакути Ту биёяд;
иродаи Ту,
чунон ки дар осмон аст,
дар замин ҳам ба амал ояд;+
11 Ризқу рӯзии моро имрӯз ба мо бидеҳ;+

12 Ва қарзҳои моро бибахш,
чунон ки мо низ ба қарздорони ҳуд мебаҳшем;
13 Ва моро ба озмоиш дучор накун,
балки моро аз иблис раҳоӣ деҳ;
зеро ки Малакут ва қувват
ва ҷалол то абад аз они Туст. Омин“+.
14 Зеро, агар шумо ба мардум ҳатоҳошонро бибаҳшед, Падари
шумо, ки дар осмон аст, ба шумо низ ҳоҳад бахшид;+
15 Ва агар шумо ба мардум набахшед, Падари шумо низ ҳатоҳои
шуморо ба шумо нахоҳад бахшид+.

## Дар бораи рӯзадорӣ.

16 Ҳамчунин, ҳангоме ки рӯза медоред, монанди риёкорон туршрӯ
набошед; зеро ки онҳо қиёфаи ҳудро дигаргун мекунанд, то ки
рӯзадории худро ба мардум нишон диҳанд. Ба ростӣ ба шумо
мегӯям, ки онҳо мукофоти худро гирифтаанд+.
17 Лекин ту, вақте ки рӯза медорӣ, ба сари ҳуд равған бимол ва рӯи
худро бишӯй,
18 То ки на дар назари мардум, балки дар ҳузури Падари ҳуд, ки
ниҳон аст, рӯзадор бошӣ; ва Падари ту, ки ниҳонбин аст, ба ту
ошкоро мукофот ҳоҳад дод.

## Қонуни Малакут дар хусуси сарват.

19 •Дар рӯи замин барои худ ганҷҳо ғун накунед, ки дар ин ҷо куя
ва занг мезанад, ва дуздон нақб канда, медузданд;+
20 Балки барои ҳуд ганҷҳо дар осмон ғун кунед, ки дар он ҷо куя ва
занг намезанад, ва дуздон нақб намекананд ва намедузданд;+
21 Зеро ҳар ҷо, ки ганҷи шумост, дили шумо низ дар он ҷо ҳоҳад
буд.
22 Чароғи бадан чашм аст. Ва агар чашмат солим бошад, тамоми
баданат равшан ҳоҳад буд;
23 Лекин агар чашми ту ҳира бошад, тамоми баданат торик ҳоҳад
буд. Пас, агар нуре ки дар туст, зулмот бошад, чӣ гуна азимест он
зулмот!
24 Ҳеҷ кас ба ду оғо хизмат карда наметавонад: зеро ки ё аз яке
нафрат карда, дигареро дӯст хоҳад дошт, ё ба яке часпида, дигареро

хор хоҳад дид. Шумо наметавонед ба Худо ва ба мамуно* хизмат кунед+.

## Восита ба муқобили ғамхориҳо — умедворӣ ба Падаре ки дар осмон аст.

25 Бинобар ин ба шумо мегӯям: барои ҳаёти худ ғамхорӣ накунед,
ки чӣ бихӯред ва чӣ бинӯшед; низ барои ҷисми худ, ки чӣ бипӯшед.
Оё ҳаёт аз хӯрок ва ҷисм аз пӯшок муҳимтар нест+?
26 Ба мурғони ҳаво нигоҳ кунед, ки на мекоранд ва на медараванд
ва на дар анборҳо захира мекунанд; ва Падари шумо, ки дар осмон
аст, ба онҳо рӯзӣ мерасонад. Оё шумо аз онҳо хеле беҳтар нестед+?
27 Ва кист аз шумо, ки бо ғамҳории худ қоматашро як зироъ
баланд карда тавонад?
28 Ва барои либос чаро ғамхорӣ мекунед? Ба савсанҳои саҳро назар
кунед, ки чӣ гуна нашъунамо меёбанд: на меҳнат мекунанд ва на
мересанд;
29 Лекин ба шумо мегӯям, ки Сулаймон ҳам бо тамоми ҷалоли худ
чун яке аз онҳо либос напӯшидааст;+
30 Пас агар Худо алафи саҳроро, ки имрӯз ҳасту фардо ба танӯр
андохта мешавад, чунин бипӯшонад, магар шуморо, эй сустимонҳо,
аз он беҳтар пӯшонда наметавонад!+
31 Аз ин рӯ ғамхорӣ накунед ва нагӯед: „Чӣ бихӯрем?“ ё: „Чӣ
бинӯшем?“ ё: „Чӣ бипӯшем?“
32 Чунки халқҳо дар ҷустуҷӯи ҳамаи ин чизҳо мебошанд, лекин
Падари шумо, ки дар осмон аст, медонад, ки шумо ба ҳамаи ин чизҳо
эҳтиёҷ доред.
33 Аммо аввал Малакути Худо ва адолати Ӯро биҷӯед, ва ҳамаи ин
чизҳо ба шумо ба таври илова дода хоҳад шуд+.
34 Пас, барои фардо ғамхорӣ накунед, зеро ки фардо барои худ
ғамхорӣ хоҳад кард: заҳмати имрӯз барои имрӯз кофист.

## Давоми мавъизаи болои кӯҳ.

## Ҳукм накардан дар ҳаққи дигарон.

**7** 1 •Ҳукм накунед, то ки ҳукм карда нашавед;+
2 Зеро ба ҳар тариқ, ки ҳукм кунед, ба ҳамон тариқ шумо ҳукм
карда хоҳед шуд; ва ба ҳар андоза, ки чен кунед, ба ҳамон андоза ба
шумо чен карда ҳоҳад шуд+.
3 Ва чаро ту хасеро дар чашми бародари худ мебинӣ, вале чӯберо
дар чашми худ дарнамеёбӣ?
4 Ё чӣ тавр ба бародари худ мегӯӣ: „Иҷозат деҳ, ки ҳасро аз чашми
ту дур кунам“; ва ҳол он ки чӯбе дар чашми туст?
5 Эй риёкор! Аввал чӯбро аз чашми худ дур кун, ва он гоҳ дуруст
хоҳӣ дид, ки ҳасро аз чашми бародари худ дур кунӣ.
6 Он чи муқаддас аст, ба сагон надиҳед ва марвориди худро пеши
хукон наандозед, то ки онҳоро поймол накунанд ва баргашта,
шуморо надаранд+.

## Тарғиб барои дуо.

7 •Биталабед, ба шумо дода хоҳад шуд; биҷӯед, ҳоҳед ёфт; дарро
бикӯбед, он ба рӯятон кушода ҳоҳад шуд;
8 Зеро ҳар кӣ биталабад, мегирад, ва ҳар кӣ биҷӯяд, меёбад, ва ҳар
кӣ дарро бикӯбад, он ба рӯяш кушода мешавад+.
9 Ва кадом одамест аз шумо, ки писараш аз ӯ нон биталабад, ва
санге ба вай бидиҳад?
10 Ё моҳие аз ӯ биталабад, ва море ба вай бидиҳад?
11 Пас, агар шумо, ки шарир ҳастед, ба фарзандони худ додани
инъомҳои некро медонед, пас Падари шумо, ки дар осмон аст, ба
онҳое ки аз Ӯ металабанд, чанд маротиба зиёдтар чизҳои нек ҳоҳад
дод+.
12 Пас, ҳар он чи меҳоҳед, ки мардум ба шумо кунанд, шумо низ ба
онҳо ҳамон тавр кунед; зеро ин аст Таврот ва суҳафи анбиё+.

## Ду роҳ.

13 •Аз дари танг дароед; зеро фарох аст он дар ва васеъ аст он роҳе
ки сӯи ҳалокат мебарад, ва онҳое ки ба он дохил мешаванд,

бисьёранд;
[14] Зеро танг аст он дар ва душвор аст он роҳе ки сӯи ҳаёт мебарад,
ва ёбандагони он кам ҳастанд+.

## Огоҳонидан аз муаллимони козиб.

## Имтиҳон.

[15] •Аз анбиёи козиб ҳазар кунед, ки ба либоси меш назди шумо
меоянд, лекин дар ботин гургони даррандаанд:+
[16] Онҳоро аз меваҳошон хоҳед шинохт. Оё аз буттаи олуча ангур ва
аз мушхор анҷир мечинанд+?
[17] Ҳамчунин ҳар дарахти нек меваи нек меоварад, лекин ҳар
дарахти бад меваи бад меоварад;+
[18] Наметавонад дарахти нек меваи бад оварад, ва дарахти бад —
меваи нек.
[19] Ҳар дарахте ки меваи нек намеоварад, бурида ва дар оташ
андохта мешавад+.
[20] Пас, онҳоро аз меваҳошон хоҳед шинохт.

## Хатари эътирофи бе имон.

[21] На ҳар касе ки ба Ман: „Худовандо! Худовандо!“ мегӯяд, ба
Малакути Осмон дохил хоҳад шуд, балки он касе ки иродаи Падари
Маро, ки дар осмон аст, ба ҷо меоварад+.
[22] Бисьёр касон дар он рӯз ба Ман хоҳанд гуфт: „Худовандо!
Худовандо! Оё ба исми Ту нубувват накардем? Оё ба исми Ту девҳоро
нарондем? Оё ба исми Ту мӯъҷизоти зиёде нишон надодем?“+
[23] Он гоҳ дар ҷавоби онҳо хоҳам гуфт: „Ман ҳаргиз шуморо
намешинохтам; аз Ман дур шавед, эй бадкорон!“+

## Ду асос.

[24] •Пас, ҳар кӣ ин суханони Маро бишнавад ва онҳоро ба ҷо оварад,
ӯро ба марди оқиле монанд мекунам, ки хонаи худро бар санг бино
кард;
[25] Ва борон борида, селобҳо равон шуд, ва бодҳо вазида, ба он хона
фишор овард; лекин он фурӯ нарафт, чунки бар санг бино шуда буд.

[26] Ва ҳар кӣ ин суханони Маро бишнавад ва онҳоро ба ҷо наоварад,
ба марди нодоне монанд аст, ки ҳонаи худро бар рег бино кард;
[27] Ва борон борида, селобҳо равон шуд, ва бодҳо вазида, ба он хона
фишор овард; ва он хона фурӯ рафт, ва харобии он бузург буд»+.

## Исо бо қудрати Худо таълим медод.

[28] Вақте ки Исо ин суханонро ба поён расонд, мардум аз таълими
Ӯ дар ҳайрат монданд,
[29] Зеро ки онҳоро ҳамчун соҳибқудрат таълим медод, на ҳамчун
китобдонон ва фарисиён+.

## Шифо ёфтани махавӣ.

8 [1] •Вақте ки Ӯ аз кӯҳ фуромад, мардуми бисьёре аз паи Ӯ равона шуданд.
[2] Ва инак, махавие наздик омада, назди Ӯ зону зад ва гуфт: «Худовандо! Агар хоҳӣ, метавонӣ маро пок кунӣ»+.
[3] Ва Исо дасти Худро дароз карда, вайро ламс намуд ва гуфт: «Меҳоҳам, пок шав». Ва дарҳол вай аз махав пок шуд.
[4] Ва Исо ба вай гуфт: «Зинҳор, ба касе магӯ; балки рафта, худро ба коҳин нишон деҳ ва он ҳадияро, ки Мусо фармудааст, тақдим кун, то ба онҳо шаҳодате гардад»+.

## Шифо ёфтани хизматгори мирисади Кафарнаҳум.

[5] •Чун Исо вориди Кафарнаҳум шуд, мирисаде назди Ӯ омад ва илтимос карда, гуфт:
[6] «Худовандо! Хизматгори ман гирифтори фалаҷ шуда, дар ҳона хобидааст ва азоби сахте дорад».
[7] Исо ба вай гуфт: «Ман омада, ӯро шифо хоҳам дод».
[8] Мирисад дар ҷавоб гуфт: «Худовандо! Ман лоики он нестам, ки Ту зери сақфи ман биёӣ; балки фақат сухане бигӯ, ва хизматгори ман шифо хоҳад ёфт;+
[9] Зеро ки ман як фармонбар ҳастам, ва дар зери итоати худ низ сарбозонро дорам; ба яке мегӯям: „Бирав“, меравад; ба дигаре мегӯям: „Биё“, меояд; ба ғуломи худ мегӯям: „Фалон корро бикун“, мекунад».
[10] Ва Исо ин суҳанонро шунида, дар тааҷҷуб монд ва ба пайравони Худ гуфт: «Ба ростӣ ба шумо мегӯям: чунин имоне дар Исроил ҳам наёфтаам+.
[11] Ва ба шумо мегӯям, ки бисьёр касон аз шарқ ва ғарб омада, дар Малакути Осмон бо Иброҳим, Исҳоқ ва Яъқуб хоҳанд нишаст;+
[12] Лекин фарзандони малакут ба зулмоти берун бадар ронда хоҳанд шуд: дар он ҷо гирья ва ғиҷирроси дандон ҳоҳад буд»+.
[13] Ва Исо ба мирисад гуфт: «Бирав, мувофиқи имонат ба ту ато шавад». Ва ҳамон соат хизматгори ӯ шифо ёфт+.

## Исо модарарӯси Петрусро шифо медиҳад.

14 •Вақте ки Исо ба хонаи Петрус омад, модарарӯси ӯро дид, ки дар
ҳолати табларза хобидааст,+
15 Ва дасти ӯро ламс кард, ва табларзаи ӯ қатъ шуд; ва ӯ бархоста,
ба парастории онҳо машғул гашт+.
16 Чун шом шуд, бисьёр девонагонро назди Ӯ оварданд, ва Ӯ бо
сухане арвоҳро берун кард ва ҳамаи беморонро шифо дод,
17 То ба амал ояд каломе ки бо забони Ишаъёи набӣ гуфта шудааст:
«Ӯ заъфҳои моро гирифт ва бемориҳои моро бардошт»+.
18 •Чун Исо мардуми бисьёрро дар гирди Худ дид, фармуд, ки ба
соҳили дигар гузаранд+.

## Пайравӣ ба Исо.

19 Он гоҳ як китобдон назди Ӯ омада, гуфт: «Устод! Ҳар ҷо равӣ,
Туро пайравӣ хоҳам кард».
20 Исо ба вай гуфт: «Рӯбоҳон лона ва мурғони ҳаво ошьёна доранд;
лекин Писари Одам ҷое надорад, ки сар ниҳад».
21 Ва дигаре аз шогирдонаш ба Ӯ гуфт: «Худовандо! Ба ман иҷозат
деҳ, ки рафта, аввал падари худро дафн кунам».
22 Лекин Исо ба вай гуфт: «Маро пайравӣ кун ва бигзор, ки
мурдагон мурдагони худро дафн кунанд».

## Исо мавҷҳоро ором мекунад.

23 •Чун ба қаиқ савор шуд, шогирдонаш бо Ӯ ҳамроҳӣ карданд.
24 Ногоҳ ғалаёни бузурге дар баҳр ба амал омад, то ба ҳадде ки
мавҷҳо қаиқро фаро мегирифтанд; ва Ӯ хуфта буд.
25 Шогирдонаш пеш омада, Ӯро бедор карданд ва гуфтанд:
«Худовандо! Моро наҷот деҳ, ки ҳалок мешавем».
26 Ба онҳо гуфт: «Эй сустимонҳо, чаро ҳаросонед?» Баъд бархоста,
бодҳо ва баҳрро манъ кард, ва оромии комил барқарор шуд+.
27 Ва мардум дар тааҷҷуб монда, гуфтанд: «Ин кист, ки бодҳо ва
баҳр низ ба Ӯ итоат мекунанд?»

## Исо девҳоро берун мекунад.

28 •Ва чун дар соҳили дигар ба сарзамини ҷарҷасиён расид, ду
девона аз мағоки гӯрҳо берун омада, ба Ӯ рӯ ба рӯ шуданд, ва чунон
бадхашм буданд, ки ҳеҷ кас ҷуръат надошт аз он роҳ бигзарад.
29 Ва инак, онҳо фарьёд зада, гуфтанд: «Туро бо мо чӣ кор аст, эй
Исо, Писари Худо? Ту ба ин ҷо омадаӣ, то ки моро пеш аз вақт азоб
диҳӣ!»+
30 Ва дар ҷои аз онҳо дуртаре галаи бузурги хукон мечарид.
31 Ва девҳо аз Ӯ илтимос карда, гуфтанд: «Агар моро берун кунӣ,
ба галаи хукон моро равона кун».
32 Ба онҳо гуфт: «Биравед». Ва онҳо берун шуда, ба галаи хукон
даромаданд. Ва инак, тамоми галаи хукон аз баландӣ ба баҳр ҷаста,
дар об ғарқ шуд.
33 Ва хукбонҳо давида рафтанд ва ба шаҳр расида, тамоми
ҳодисаро, низ он чиро, ки ба девонагон рӯй дод, нақл карданд.
34 Ва инак, тамоми аҳли шаҳр ба пешвози Исо берун омаданд ва
чун Ӯро диданд, илтимос карданд, ки аз ҳудуди онҳо берун равад+.

## Исо ба Кафарнаҳум бармегардад ва мафлуҷро шифо медиҳад.

9 1 •Пас ба қаиқ савор шуда, убур кард ва ба шаҳри Худ омад+.
2 Ва инак, мафлуҷеро, ки бар бистар хобида буд, назди Ӯ
оварданд. Чун Исо имони онхоро дид, ба мафлуҷ гуфт: «Далер бош,
эй фарзанд! Гуноҳҳои ту омурзида шуд»+.
3 Дар айни ҳол баъзе аз китобдонон дар дили ҳуд гуфтанд: «Ӯ
куфр мегӯяд»+.
4 Лекин Исо андешаҳои онҳоро пай бурда, гуфт: «Барои чӣ дар
дили худ андешаҳои бад доред?
5 Зеро кадомаш осонтар аст: гуфтани ин ки „гуноҳҳои ту омурзида
шуд“, ё гуфтани он ки „бархез ва равона шав“?
6 Лекин то бидонед, ки Писари Одам дар рӯи замин қудрати
омурзидани гуноҳҳоро дорад», — он гоҳ ба мафлуҷ гуфт: «Бархез,
бистари худро бардор ва ба хонаи худ равона шав».
7 Дарҳол бархоста, ба хонаи худ равона шуд.
8 Чун мардум инро диданд, ҳайрон шуданд ва Худоро, ки ба
одамизод чунин қудрате бахшидааст, ҳамду сано хонданд.

## Даъват кардани Матто.

9 •Ва Исо аз он ҷо гузашта, Матто ном шахсеро дид, ки дар боҷгох
нишаста буд, ва ба вай гуфт: «Аз паи Ман биё». Вай бархоста, аз паи Ӯ
равона шуд.

## Исо бо боҷгирон ва гуноҳкорон хӯрок мехӯрад.

10 Ва ҳангоме ки Исо дар хона дар сари суфра нишаста буд, бисьёре
аз боҷгирон ва гуноҳкорон низ омада, бо Ӯ ва шогирдонаш дар сари
суфра нишастанд.
11 Чун фарисиён инро диданд, ба шогирдони Ӯ гуфтанд: «Чаро
Устоди шумо бо боҷгирон ва гуноҳкорон хӯрок мехӯрад?»+
12 Исо чун шунид, ба онҳо гуфт: «На тандурустон, балки беморон
ба табиб ҳоҷат доранд;
13 Ва шумо биравед ва маънои ин суҳанро биомӯзед: „Марҳамат
мехоҳам, на қурбонӣ“; зеро Ман омадаам, ки на одилонро, балки
гуноҳкоронро ба тавба даъват кунам»+.

## Масъалаи рӯзадорӣ.

14 •Шогирдони Яҳъё назди Ӯ омада, гуфтанд: «Чаро мо ва
фарисиён бисьёр рӯза медорем, лекин шогирдони Ту рӯза
намедоранд?»+
15 Исо ба онҳо гуфт: «Оё аҳли кӯшки никоҳ, модоме ки домод бо
онҳост, мотам дошта метавонанд? Лекин айёме хоҳад расид, ки
домод аз онҳо гирифта шавад, ва он гоҳ рӯза хоҳанд дошт+.

## Масалҳо дар бораи ҷома ва машк.

16 Ва ҳеҷ кас бар ҷомаи кӯҳна аз матои нав ямоқ намемонад; зеро
ямоқи нав аз ҷома ҷудо шуда, ҷои даридаи он боз ҳам бадтар
мешавад.
17 Ва шароби навро дар машки кӯҳна намеандозанд; вагар на машк
дарида, шароб ҳам мерезад, машк ҳам талаф мешавад; балки шароби
навро дар машки нав меандозанд, ва ҳар ду маҳфуз мемонад».

## Исо зани беморро шифо медиҳад ва духтари Ёирро зинда мекунад.

18 •Ҳанӯз ин суханонро Ӯ ба онҳо мегуфт, ки сардоре омада, пеши
Ӯ зону зад ва гуфт: «Духтари ман ҳозир мурд; лекин биё ва дасти
Худро бар вай бигузор, ва зинда хоҳад шуд».
19 Исо бархоста, бо шогирдонаш аз паи вай равона шуд.
20 Ва инак, зане ки дувоздаҳ сол боз гирифтори хунравӣ буд, аз
қафо наздик шуда, домани Ӯро ламс намуд+.
21 Зеро ки ба дили худ гуфт: «Агар маҳз либоси Ӯро ламс кунам,
шифо меёбам»+.
22 Исо ба қафо нигоҳ карда, занро дид ва гуфт: «Далер бош, эй
духтар! Имонат туро шифо бахшид». Ҳамон соат зан шифо ёфт+.
23 Ва ҳангоме ки Исо ба хонаи сардор омада, найнавозон ва
мардуми навҳакунандаро дид,
24 Ба онҳо гуфт: «Аз ин ҷо бароед; зеро ки духтар намурдааст,
балки хуфтааст». Онҳо бар Ӯ хандиданд+.
25 Чун мардум берун рафтанд, Ӯ даромада, дасти вайро гирифт, ва
духтар бархост+.
26 Ва овозаи ин дар тамоми он сарзамин паҳн шуд.

## Шифо ёфтани ду кӯр ва девонаи гунг.

27 Вақте ки Исо аз он ҷо мерафт, ду кӯр аз паи Ӯ рафта, фарьёд
мезаданд: «Эй Писари Довуд! Ба мо марҳамат кун»+.
28 Ва чун ба хона расид, кӯрон назди Ӯ даромаданд. Исо ба онҳо
гуфт: «Оё имон доред, ки Ман ин корро карда метавонам?» Онҳо ба Ӯ
гуфтанд: «Оре, Худовандо!»
29 Он гоҳ чашмони онҳоро ламс карда, гуфт: «Мувофиқи имонатон
ба шумо бишавад»+.
30 Ва чашмони онҳо кушода шуд. Ва Исо онҳоро таъкид карда,
гуфт: «Зинҳор, касе аз ин огоҳӣ наёбад»+.
31 Лекин онҳо берун рафта, овозаи Ӯро дар тамоми он сарзамин
паҳн карданд+.
32 Ва ҳангоме ки онҳо берун мерафтанд, касеро назди Ӯ оварданд,
ки девонаи гунг буд.
33 Ва чун дев берун карда шуд, гунг ба гап даромад. Ва мардум дар
ҳайрат монда, гуфтанд: «Чунин ҳодиса дар Исроил ҳаргиз дида
нашудааст».
34 Лекин фарисиён гуфтанд: «Ӯ девҳоро ба воситаи калони девҳо
берун мекунад»+.

## Илтимос дар бораи коргарон дар Малакути Худо.

35 Ва Исо дар ҳамаи шаҳрҳо ва деҳот гашта, дар куништҳои онҳо
таълим медод, Инҷили Малакутро мавъиза мекард ва ҳар бемории ва
заъфи мардумро шифо медод.
36 Ва анбӯҳи мардумро дида, ба онҳо раҳмаш омад, зеро онҳо
мисли гӯсфандони бе чӯпон бемадор ва пароканда буданд+.
37 Он гоҳ ба шогирдони Худ гуфт: «Дарав бисьёр аст, лекин
коргарон кам;
38 Пас, шумо аз Соҳиби дарав илтимос кунед, ки ба даравиِ Худ
коргар фиристонад»+.

## Насиҳат додан ва фиристодани дувоздаҳ шогирдон.

# 10

1 •Ва дувоздаҳ шогирдашро назди Худ хонда, ба онҳо бар
арвоҳи палид қудрат дод, то ки онҳоро берун кунанд ва ҳар
беморӣ ва бетобиро шифо диҳанд.
2 Ва номҳои дувоздаҳ ҳаввориӣ ин аст: аввал Шимъӯн, ки Петрус
номида шуда буд, ва бародараш Андриёс, Яъқуб ибни Забдой ва
бародараш Юҳанно,
3 Филиппус ва Барталмо, Тумо ва Маттои боҷгир, Яъқуб ибни
Ҳалфой ва Лаббой, ки лақабаш Таддо буд,
4 Шимъӯни Канно ва Яҳудои Исқарьют, ки Ӯро таслим кард.
5 Ин дувоздаҳро Исо фиристод ва ба онҳо ҳукм дода, гуфт: «Ба
роҳи ғайрияҳудиён наравед ва ба шаҳри сомариён надароед;
6 Балки назди гӯсфандони гумшудаи ҳонадони Исроил биравед;+
7 Ва чун меравед, мавъиза карда, гӯед, ки Малакути Осмон наздик
аст;+
8 Беморонро шифо диҳед, махавиёнро пок кунед, мурдагонро эҳьё
кунед, девҳоро берун кунед; муфт ёфтаед, муфт диҳед+.
9 Дар камарбанди худ тилло ё нуқра ё мис захира накунед,
10 Ва барои сафар на тӯрбае дошта бошед, на ду пероҳан, на чоруқ
ва на асо. Зеро ки меҳнаткаш сазовори хӯроки худ мебошад+.
11 Ва дар ҳар шаҳр ё деҳа, ки медароед, суроғ кунед, ки дар он ҷо
шахси шоиста кист, ва то вақти баромаданатон дар он ҷо бимонед;
12 Вақте ки ба хонае медароед, салом бигӯед;
13 Агар аҳли он хона лоиқ бошанд, саломи шумо бар онҳо қарор
мегирад; ва агар лоиқ набошанд, саломатон сӯи шумо бармегардад.
14 Ва ҳар кӣ шуморо қабул накунад, ва ба сухани шумо гӯш
надиҳад, аз он хона ва ё шаҳр берун рафта, ғубори пойҳои худро
биафшонед;+
15 Ба ростӣ ба шумо мегӯям: ҳолати замини Садӯм ва Амӯро дар
рӯзи доварӣ аз он шаҳр саҳлтар хоҳад буд+.

16 •Инак, Ман шуморо монанди гӯсфандон ба миёни гургон
мефиристам. Пас, мисли морон зирак ва мисли кабӯтарон содда
бошед+.

[17] Лекин аз мардум ҳазар кунед: зеро шуморо ба маҳкамаҳо
хоҳанд супурд ва дар куништҳои худ шуморо қамчинкорӣ хоҳанд
кард,
[18] Ва ба хотири Ман шуморо назди ҳокимон ва подшоҳон хоҳанд
бурд, то ки барои онҳо ва халқҳо шаҳодате шавад+.
[19] Лекин чун шуморо таслим кунанд, андеша накунед, ки чӣ гуна
ва ё чӣ бояд бигӯед; зеро ки дар он соат ба шумо ато хоҳад шуд, ки чӣ
бояд гуфт;
[20] Зеро ки гӯянда шумо нестед, балки Рӯҳи Падари шумост, ки дар
шумо гӯянда аст+.
[21] Ва бародар бародарро ва падар фарзандро ба марг таслим хоҳад
кард; ва фарзандон бар зидди падарону модарон қиём карда, онҳоро
ба ҳалокат хоҳанд расонд;+
[22] Ва аз барои исми Ман тамоми мардум аз шумо нафрат хоҳанд
кард; лекин ҳар кӣ то ба охир сабр кунад, наҷот хоҳад ёфт+.
[23] Агар дар шаҳре шуморо таъқиб кунанд, ба дигаре бигрезед. Зеро
ки ба ростӣ ба шумо мегӯям: пеш аз он ки ҳамаи шаҳрҳои Исроилро
тай кунед, Писари Одам хоҳад омад+.
[24] Шогирд аз муаллими худ ва ғулом аз оғои худ авло нест:+
[25] Басанда аст, ки шогирд чун муаллими худ бошад, ва ғулом чун
оғои худ бошад. Агар соҳиби хонаро Баал-Забул номида бошанд, аҳли
хонаи вайро чӣ қадар зиёдтар хоҳанд номид+.
[26] Пас, аз онҳо натарсед: зеро ҳеҷ чизи ниҳоне нест, ки ошкор
нагардад, ва ҳеҷ чизи махфие нест, ки маълум нашавад+.
[27] Он чи дар торикӣ ба шумо мегӯям, дар рӯшноӣ бигӯед; ва он чи
дар гӯш мешунавед, дар болои бомҳо мавъиза кунед.
[28] Ва аз кушандагони ҷисм, ки ба куштани рӯҳ қодир нестанд,
натарсед; балки аз Ӯ ҳаросон бошед, ки қодир аст ҳам ҷисм ва ҳам
рӯҳро дар дӯзах нобуд кунад+.
[29] Оё ду гунҷишк ба як фулус фурӯхта намешавад? Ва ҳол он ки
ягонтои онҳо бе хости Падари шумо ба замин намеафтад;
[30] Лекин ҳамаи мӯйҳои сари шумо низ шумурда шудааст;
[31] Пас, натарсед: шумо аз бисьёр гунҷишкон бартарӣ доред+.
[32] Пас, ҳар кӣ Маро дар назди мардум эътироф кунад, Ман низ ӯро
дар назди Падари Худ, ки дар осмон аст, эътироф хоҳам кард;+

33 Лекин ҳар кӣ Маро дар назди мардум инкор кунад, Ман низ ӯро
дар назди Падари Худ, ки дар осмон аст, инкор хоҳам кард+.

34 •Гумон накунед, ки омадаам, то осоиштагӣ бар замин биёрам;
наомадаам, ки осоиштагӣ биёрам, балки шамшер;+
35 Зеро ки омадаам, то одамро аз падараш, духтарро аз модараш ва
келинро аз модаршӯяш чудо кунам.
36 Ва душмани одам аҳли хонаи ӯ хоҳанд буд+.
37 Ҳар кӣ падар ё модарашро аз Ман бештар дӯст медорад, лоиқи
Ман нест; ва ҳар кӣ писар ё духтарашро аз Ман бештар дӯст медорад,
лоиқи Ман нест;
38 Ва ҳар кӣ салиби худро намебардорад ва маро пайравӣ
намекунад, лоиқи Ман нест+.
39 Ҳар кӣ ҷони худро нигоҳдорӣ кунад, онро барбод хоҳад дод; ва
ҳар кӣ ҷони худро дар роҳи Ман барбод диҳад, онро нигоҳдорӣ хоҳад
кард+.
40 Ҳар кӣ шуморо қабул кунад, Маро қабул мекунад; ва ҳар кӣ
Маро қабул кунад, Фиристандаи Маро қабул мекунад;+
41 Ҳар кӣ пайғамбарро ба исми пайғамбар қабул кунад, мукофоти
пайғамбарро хоҳад ёфт; ва ҳар кӣ одилро ба исми одил қабул кунад,
мукофоти одилро хоҳад ёфт+.
42 Ва ҳар кӣ яке аз ин хурдонро фақат як пиёла оби сард
бинӯшонад, чунки исми шогирд дорад, ба ростӣ ба шумо мегӯям, ки
мукофоти худро аз даст нахоҳад дод»+.

## Саволи Таъмиддиҳанда ва ҷавоби Исо.

## Шаҳодати Исо дар бораи Таъмиддиҳанда.

**11** 1 •Чун Исо насиҳатгӯиро ба дувоздаҳ шогирди Худ ба анҷом
расонд, аз он ҷо равона шуд, то ки дар шаҳрҳои онҳо таълим
диҳад ва мавъиза кунад.
2 Вақте ки Яҳьё дар зиндон аъмоли Масеҳро шунид, ду нафар аз
шогирдони худ фиристод,+
3 То ки ба Ӯ бигӯянд: «Оё Ту Ҳамон хастӣ, ки бояд биёяд, ё
мунтазири дигаре бошем?»
4 Исо дар ҷавоби онҳо гуфт: «Биравед ва он чи шунидед ва дидед,
ба Яҳьё бигӯед:
5 Кӯрҳо мебинанд ва шалҳо роҳ мераванд, махавиён пок мешаванд
ва карҳо мешунаванд, мурдагон эҳьё мешаванд, ва ба мискинон
башорат дода мешавад;+
6 Ва хушо касе ки дар ҳаққи Ман ба васваса наафтад»+.
7 Ва ҳангоме ки онҳо рафтанд, Исо ба мардум дар бораи Яҳьё ба
сухан оғоз кард: «Барои дидани чӣ чиз ба биёбон рафта будед? Оё
барои дидани нае ки аз бод меларзад+?
8 Пас барои дидани чӣ чиз рафта будед? Оё барои дидани марде ки
сару либоси нарм дар бар дорад? Онҳое ки сару либоси нарм дар бар
доранд, дар қасрҳои подшоҳонанд.
9 Пас барои дидани чӣ чиз рафта будед? Оё барои дидани як набӣ?
Оре, ба шумо мегӯям, ки вай аз набӣ ҳам бузургтар аст+.
10 Зеро вай ҳамон аст, ки дар бораи вай навишта шудааст:
„Инак, Ман қосиди Худро пешопеши Ту мефиристам, то роҳи
Туро пеши Ту муҳайё кунад“+.
11 Ба ростӣ ба шумо мегӯям: аз миёни онҳое ки аз зан таваллуд
ёфтаанд, бузургтар аз Яҳьёи Таъмиддиҳанда барнахост; лекин он ки
дар Малакути Осмон хурдтарин аст, аз вай бузургтар аст+.
12 Ва аз айёми Яҳьёи Таъмиддиҳанда то алҳол Малакути Осмон бо
зӯрӣ ба даст оварда мешавад, ва зӯроварон онро мерабоянд;+
13 Зеро ки тамоми анбиё ва Таврот то вақти зуҳури Яҳьё пешгӯӣ
кардаанд.
14 Ва агар қабул кардан хоҳед, вай Ильёс аст, ки бояд биёяд+.

15 Ҳар кӣ гӯши шунаво дорад, бишнавад!+
16 Лекин ин наслро ба кӣ монанд кунам? Вай ба кӯдаконе монанд
аст, ки дар кӯчаҳо нишаста ва ба рафиқони худ муроҷиат карда,
17 Мегӯянд: „Барои шумо най навохтем, рақс накардед; барои
шумо навҳагарӣ кардем, нагиристед“.
18 Зеро ки Яҳьё омад, намехӯрад ва наменӯшад; мегӯянд: „Дев
дорад“+.
19 Писари Одам омад, мехӯрад ва менӯшад; мегӯянд: „Инак марди
пурхӯр ва майгусор, ки дӯсти боҷгирон ва гуноҳкорон аст“. Ва
ҳикмат аз тарафи фарзандонаш тасдиқ карда мешавад»+.

## Ба мункирон Исо довариро пешгӯӣ мекунад.

20 •Он гоҳ Ӯ ба мазаммат кардани шаҳрҳое шурӯъ намуд, ки
аксари мӯъҷизоти Ӯ дар он ҷо зоҳир шуда буд, чунки тавба накарда
буданд.
21 «Вой бар ҳоли ту, эй Кӯрозин! Вой бар ҳоли ту, эй Байт-Сайдо!
Зеро агар мӯъҷизоте ки дар шумо зоҳир шуд, дар Сӯр ва Сидӯн зоҳир
мешуд, кайҳо палоспӯш ва хокистарнишин шуда, тавба мекарданд;+
22 Лекин ба шумо мегӯям: дар рӯзи доварӣ ҳолати Сӯр ва Сидӯн аз
шумо сабуктар хоҳад буд+.
23 Ва ту, эй Кафарнаҳум, ки сар ба осмон афрохтаӣ, ба дӯзах
сарнагун хоҳӣ шуд; зеро агар мӯъҷизоте ки дар ту зоҳир шуд, дар
Садӯм зоҳир мешуд, вай то имрӯз боқӣ мемонд;+
24 Лекин ба шумо мегӯям, ки дар рӯзи доварӣ ҳолати сарзамини
Садӯм аз ту сабуктар хоҳад буд»+.

## Ситоиши Падар.

25 •Дар он вақт Исо суханашро давом дода, гуфт: «Туро, эй Падар,
эй Худованди осмон ва замин, ситоиш мекунам, ки ин чизҳоро аз
хирадмандон ва оқилон пинҳон доштӣ ва ба кӯдакон ошкор кардӣ+.
26 Оре, эй Падар! Зеро ки ҳусни таваҷҷӯҳи Ту чунин буд.
27 Ҳама чизро Падарам ба Ман супурдааст, ва ҳеҷ кас Писарро, ҷуз
Падар, намешиносад; ва ҳеҷ кас Падарро намешиносад, ҷуз Писар ва
касе ки Писар бихоҳад ба вай ошкор кунад+.

## Даъват кардани заҳматкашон ва гаронборон.

28 Назди Ман оед, эй ҳамаи заҳматкашон ва гаронборон, ва Ман ба
шумо оромӣ хоҳам бахшид;+
29 Юғи Маро ба гардани худ гиред ва аз Ман таълим ёбед, зеро ки
Ман ҳалим ва фурӯтан ҳастам, ва ҷонҳои шумо оромӣ хоҳад ёфт;+
30 Зеро юғи Ман хуш ва бори Ман сабук аст»+.

## Исо ва қоидаҳои яҳудиён дар бораи рӯзи шанбе.

**12** [1] •Дар он вақт Исо рӯзи шанбе аз киштзор мегузашт; ва шогирдонаш гурусна монда, ба чидан ва хӯрдани хӯшаҳо сар карданд+.

[2] Фарисиён инро дида, ба Ӯ гуфтанд: «Инак, шогирдони Ту коре мекунанд, ки кардани он дар рӯзи шанбе раво нест»+.

[3] Ба онҳо гуфт: «Магар нахондаед, ки Довуд чӣ кард, ҳангоме ки худаш ва ҳамроҳонаш гурусна буданд+?

[4] Чӣ гуна вай ба хонаи Худо даромада, нони тақдимро хӯрд, ки хӯрдани он ба вай ва ҳамроҳонаш раво набуд, балки фақат ба коҳинон раво буд+?

[5] Ё дар Таврот нахондаед, ки коҳинон дар рӯзҳои шанбе дар маъбад оини шанберо риоят намекунанд ва бо вуҷуди он бегуноҳанд+?

[6] Лекин ба шумо мегӯям, ки дар ин ҷо Шахсе ҳаст, ки аз маъбад бузургтар аст;+

[7] Ва агар медонистед, ки „марҳамат мехоҳам, на қурбонӣ“ чӣ маъно дорад, бегуноҳонро мазаммат намекардед;+

[8] Зеро ки Писари Одам оғои рӯзи шанбе низ мебошад».

## Шифо ёфтани одами дастхушк дар рӯзи шанбе.

[9] •Ва аз он ҷо рафта, ба куништи онҳо даромад.

[10] Ва инак, дар он ҷо одаме буд, ки дасти хушкшудае дошт. Аз Ӯ пурсида, гуфтанд: «Оё дар рӯзи шанбе шифо додан ҷоиз аст?» Қасдашон ин буд, ки Ӯро айбдор кунанд+.

[11] Ба онҳо гуфт: «Кист аз шумо, ки як гӯсфанд дошта бошад, ва он дар рӯзи шанбе ба мағоке афтаду онро гирифта набарорад?

[12] Пас чӣ қадар аз гӯсфанд одам азизтар аст! Бинобар ин дар рӯзҳои шанбе некӣ кардан ҷоиз аст»+.

[13] Он гоҳ ба он одам гуфт: «Дасти худро дароз кун». Вай дароз кард; ва мисли дасти дигараш сиҳат шуд+.

[14] Фарисиён берун рафта, дар ҳаққи Ӯ машварат намуданд, ки чӣ тавр Ӯро ҳалок кунанд.

## Исои бандаи Худо дар хомӯшӣ амал мекунад.

15 Лекин Исо инро дарьёфта, аз он ҷо дур шуд. Ва мардуми бисьёре аз паи Ӯ равона шуданд, ва Ӯ ҳамаи онҳоро шифо бахшид,

16 Ва ба онҳо фармоиш дод, ки овозаи Ӯро паҳн накунанд,+

17 То ба амал ояд каломе ки бо забони Ишаъёи набӣ гуфта шудааст:+

18 «Инак Бандаи Ман, ки Ӯро баргузидаам, ва Маҳбуби Ман,
ки ҳусни таваҷҷӯҳи Ман бар Ӯст;
Рӯҳи Худро бар Ӯ хоҳам ниҳод,
то ки довариро ба халқҳо эълон кунад;
19 Ситеза ва фиғоне нахоҳад кард,
ва касе дар кӯчаҳо овози Ӯро нахоҳад шунид;
20 Наи хамидаро нахоҳад шикаст ва фатилаи нимсӯхтаро хомӯш нахоҳад кард,
то даме ки довариро ба ғалаба оварда расонад;
21 Ва халқҳо ба исми Ӯ умед хоҳанд баст».

## Шифо ёфтани девона.

## Куфри фарисиён.

22 •Он гоҳ девонаеро назди Ӯ оварданд, ки кӯр ва гунг буд; Ӯ вайро шифо бахшид, ба тавре ки он кӯр ва гунг гӯё ва бино шуд.

23 Ва тамоми мардум дар ҳайрат афтода, гуфтанд: «Оё ин Шахс Писари Довуд нест?»+

24 Лекин фарисиён инро шунида, гуфтанд: «Ӯ девҳоро фақат ба воситаи Баал-Забул, калони девҳо, берун мекунад»+.

25 Аммо Исо фикру хаёли онҳоро дарьёфта, ба онҳо гуфт: «Ҳар салтанате ки бар зидди худ аз ҳам ҷудо шавад, рӯ ба харобӣ меоварад; ва ҳар шаҳр ё хонае ки бар зидди худ аз ҳам ҷудо шавад, устувор истода наметавонад.

26 Ва агар шайтон шайтонро берун кунад, вай бар зидди худ аз ҳам ҷудо шуда бошад: пас салтанати вай чӣ гуна устувор истода метавонад?

27 Ва агар Ман девҳоро ба воситаи Баал-Забул берун мекарда бошам, писарони шумо онҳоро ба воситаи кӣ берун мекунанд? Бинобар ин онҳо доварии шумо хоҳанд шуд+.

[28] Лекин агар Ман девҳоро бо Рӯҳи Худо берун мекарда бошам, пас
Малакути Худо ба шумо омада расидааст.
[29] Ё касе чӣ гуна ба хонаи шахси зӯроваре даромада, чизҳои вайро
ғорат карда метавонад, бе он ки аввал он зӯроварро бибандад ва пас
аз он хонаи вайро ғорат кунад+?
[30] Ҳар кӣ бо Ман нест, ба Ман муқобил аст; ва ҳар кӣ бо Ман ҷамъ
намекунад, вай пароканда мекунад+.

## Гуноҳе ки омурзида намешавад:

## ба шайтон нисбат додани аъмоли Рӯҳулқудс.

[31] Аз ин сабаб ба шумо мегӯям: ҳар навъ гуноҳ ва куфр ба
одамизод омурзида мешавад; лекин куфр бар зидди Рӯҳ ба одамизод
омурзида нахоҳад шуд+.
[32] Ҳар кӣ бар зидди Писари Одам сухане гӯяд, ба вай омурзида
мешавад; лекин ҳар кӣ бар зидди Рӯҳулқудс сухане гӯяд, ба вай
омурзида нахоҳад шуд, на дар ин олам, на дар олами оянда.

## Ҷавобгарӣ барои сухан.

[33] Ё дараҳтро нек гардонед ва меваашро нек; ё дарахтро бад
гардонед ва меваашро бад; зеро ки дарахт аз меваааш шинохта
мешавад+.
[34] Эй афъизодагон! Шумо чӣ тавр суханони нек гуфта метавонед,
дар сурате ки худатон бад ҳастед? Зеро ки забон аз пурии дил сухан
мегӯяд+.
[35] Шахси нек аз ганҷинаи нек чизи нек берун меоварад; ва шахси
бад аз ганҷинаи бад чизи бад берун меоварад+.
[36] Лекин ба шумо мегӯям, ки мардум барои ҳар сухани ботиле ки
мегӯянд, дар рӯзи доварӣ ҷавоб хоҳанд дод:+
[37] Зеро ки аз суханони худ сафед хоҳӣ шуд ва аз суханони худ
маҳкум хоҳӣ шуд»+.

## Исо ба муқобили фарисиёне ки мӯъҷизот металабанд.

[38] •Он гоҳ баъзе аз китобдонон ва фарисиён ба ҷавоб гуфтанд: «Эй
Устод! Мехоҳем аломате аз Ту бубинем»+.
[39] Дар ҷавоби онҳо гуфт: «Насли шарир ва зинокор аломате
металабад: ва ба вай, ҷуз аломати Юнуси набӣ, аломате дода нахоҳад

шуд;+
[40] Зеро, чунон ки Юнус се шабонарӯз дар шиками моҳӣ буд,
Писари Одам низ се шабонарӯз дар оғӯши замин хоҳад буд+.
[41] Мардуми Нинве дар рӯзи доварӣ бо ин насл бархоста, онро
маҳкум хоҳанд кард, зеро ки онҳо бо мавъизаи Юнус тавба карданд;
ва инак, дар ин ҷо Шахсе аз Юнус бузургтар аст+.
[42] Маликаи Ҷануб дар рӯзи доварӣ бо ин насл бархоста, онро
маҳкум хоҳад кард, зеро ки вай барои шунидани ҳикмати Сулаймон
аз ақсои замин омад; ва инак, дар ин ҷо Шахсе аз Сулаймон бузургтар
аст+.

## Баргаштани рӯҳи палид.

[43] •Вақте ки рӯҳи палид аз одам берун меояд, дар ҷустуҷӯи роҳат
дар ҷойҳои беоб гардиш мекунад ва намеёбад;
[44] Он гоҳ мегӯяд: „Ба хонаи худ, ки аз он берун омадам,
бармегардам“. Ва гашта омада, онро холӣ, ҷорӯбзада ва ороста
меёбад;
[45] Пас аз он рафта, ҳафт рӯҳи дигари аз худаш бадтарро ҳамроҳи
худ меоварад, ва дохил шуда, дар он ҷо зиндагӣ мекунанд; ва анҷоми
он шахс бадтар аз аввалаш мешавад. Ҳоли ин насли шарир низ ҳамин
тавр хоҳад шуд»+.

## Хешовандони ҳақиқии Исо.

[46] •Ҳанӯз Ӯ бо мардум сухан мегуфт, ки модар ва бародаронаш
омада, дар берун истоданд ва мехостанд бо Ӯ гуфтугӯ кунанд+.
[47] Ва шахсе ба Ӯ гуфт: «Инак, модарат ва бародаронат дар берун
истодаанд ва мехоҳанд бо Ту гуфтугӯ кунанд».
[48] Лекин Ӯ дар ҷавоби он шахс гуфт: «Кист модари Ман, ва кист
бародарони Ман?»
[49] Ва бо дасти Худ шогирдони Худро нишон дода, гуфт: «Инак
модари Ман ва бародарони Ман;
[50] Зеро, ҳар кӣ хости Падари Маро, ки дар осмон аст, ба ҷо оварад,
ҳамон кас бародару хоҳару модари Ман аст»+.

## Ҳафт масал дар бораи Малакути Осмон.

## Коранда.

13 1 •Ва ҳамон рӯз Исо аз хона берун омада, дар канори баҳр
нишаст.
2 Ва мардуми бисьёре назди Ӯ ҷамъ омаданд, ба тавре ки ӯ ба қаиқ
даромада, нишаст, ва тамоми мардум дар канори баҳр меистоданд.
3 Ва бо масалҳо чизҳои бисьёрро ба онҳо омӯхта, гуфт: «Инак,
корандае барои пошидани тухм берун рафт;
4 Ва чун тухм мепошид, қадаре дар канори роҳ афтод, ва
паррандагон омада, онро хӯрданд;
5 Қадаре бар санглох афтод, дар ҷое ки хок бисьёр набуд, ва бо
тезӣ сабзид, зеро ки хок умқ надошт;
6 Чун офтоб баромад, пажмурда шуд ва азбаски реша надошт,
хушк шуд;
7 Қадаре дар миёни хорҳо афтод, ва хорҳо қад кашида, онро пахш
карданд;+
8 Қадаре дар хоки нағз афтод ва бор овард: баъзе сад баробар,
баъзе шаст ва баъзе сӣ.
9 Ҳар кӣ гӯши шунаво дорад, бишнавад!»+

10 •Ва шогирдонаш омада, ба Ӯ гуфтанд: «Чаро ба онҳо бо масалҳо
сухан мегӯӣ?»
11 Дар ҷавобашон гуфт: «Чунки ба шумо донистани асрори
Малакути Осмон ато шудааст, лекин ба онҳо ато нашудааст;+
12 Зеро ҳар кӣ дорад, ба вай дода ва афзуда шавад; лекин ҳар кӣ
надорад, аз вай он чи низ дорад, гирифта шавад;+
13 Аз он сабаб ба онҳо бо масалҳо сухан мегӯям, ки онҳо нигоҳ
мекунанд, вале намебинанд, ва гӯш медиҳанд, вале намешунаванд,
ва намефаҳманд;+
14 Ва дар ҳаққи онҳо нубуввати Ишаъё ба амал меояд, ки гуфтааст:
„Бо гӯшҳои худ хоҳед шунид, вале нахоҳед фаҳмид;
бо чашмҳои худ нигоҳ хоҳед кард,
вале нахоҳед дид;
15 Зеро ки дили ин мардум сангин ва гӯшҳошон вазнин шудааст,

ва чашмони худро бастаанд,
мабодо бо чашмон бубинанд ва бо гӯшҳо бишнаванд
ва бо дилҳо бифаҳманд ва руҷӯъ кунанд,
ва Ман онҳоро шифо диҳам“+.

16 Лекин хушо чашмони шумо, ки мебинанд, ва гӯшҳои шумо, ки мешунаванд;+

17 Зеро ба ростӣ ба шумо мегӯям, ки басе анбиё ва одилон мехостанд он чиро, ки шумо мебинед, бубинанд, ва надиданд, ва он чиро, ки шумо мешунавед, бишнаванд ва нашуниданд+.

18 •Пас шумо маънои масали корандаро бишнавед:

19 Ҳар кӣ каломи Малакутро бишнавад, ва нафаҳмад, иблис назди вай омада, он чиро, ки дар дили вай кошта шудааст, мерабояд: ин ҳамон аст, ки дар канори роҳ кошта шудааст.

20 Ва кошташуда дар санглох он кас аст, ки каломро мешунавад ва дарҳол бо шодӣ қабул мекунад;

21 Лекин дар худ реша надорад ва ноустувор аст ва чун аз боиси калом азияте ё таъқиботе рӯй диҳад, дарҳол ба васваса меафтад+.

22 Ва кошташуда дар миёни хорҳо он кас аст, ки каломро мешунавад, лекин андешаҳои дунёӣ ва ҳирси сарват каломро пахш мекунад, ва он бесамар мегардад+.

23 Ва кошташуда дар хоки нағз он кас аст, ки каломро мешунавад ва мефаҳмад ва бор ҳам меоварад: баъзе сад баробар, баъзе шаст ва баъзе сӣ»+.

## Сирри дуюм: мастак дар миёни гандум.

24 Ва масали дигаре барои онҳо оварда, гуфт: «Малакути Осмон монанди касест, ки дар киштзори худ тухми некӯ коштааст;

25 Лекин вақте ки мардум дар хоб буданд, душмани вай омада, дар миёни гандум мастак пошид ва рафт;

26 Чун киштзор сабзид, ва самараш ба назар намоён шуд, мастак ҳам пайдо шуд.

27 Ғуломони соҳиби киштзор омада, гуфтанд: „Эй оғо! Оё дар киштзори худ тухми некӯ накоштаӣ? Пас мастак аз куҷо пайдо шуд?“

28 Вай ба онҳо гуфт: „Ин кори душман аст“. Ғуломон ба вай гуфтанд: „Оё мехоҳӣ биравем ва онро чида гирем?“

[29] Вай гуфт: „Не, мабодо дар вақти чида гирифтани мастак гандумро ҳам аз реша биканед;
[30] Бигзоред, ки то вақти дарав ҳар ду бо ҳам нумӯ кунанд; ва дар мавсими дарав ба даравгарон хоҳам гуфт: аввал мастакро чида гиреду барои сӯзондан банд-банд кунед; лекин гандумро дар анбори ман захира кунед“»+.

## Сирри сеюм: донаи хардал.

[31] •Масали дигаре барои онҳо оварда, гуфт: «Малакути Осмон мисли донаи хардалест, ки касе онро гирифта, дар киштзори худ коштааст,
[32] Ва гарчанде ки хурдтарини тухмҳост, чун нумӯ кунад, аз ҳамаи наботот бузургтар мешавад ва дарахт мегардад, ба тавре ки мурғони ҳаво омада, дар шохаҳояш ошьёна месозанд»+.

## Сирри чорум: хамиртуруш.

[33] Ва масали дигаре ба онҳо гуфт: «Малакути Осмон монанди хамиртурушест, ки зане онро гирифта, ба се ченак орд андохт, то ки тамоми хамир расид»+.
[34] Ҳамаи инҳоро Исо ба мардум бо масалҳо баён мекард, ва бе масал ба онҳо сухан намегуфт,
[35] То ба амал ояд каломе ки бо забони набӣ гуфта шудааст:
«Даҳони Худро ба масалҳо мекушоям;
чизҳоеро, ки аз офариниши олам пинҳон мондааст,
баён менамоям»+.

## Маънидоди сирри дуюм.

[36] Он гоҳ Исо мардумро ҷавоб дода, ба хона даромад. Ва шогирдонаш назди Ӯ омада, гуфтанд: «Масали мастаки киштзорро ба мо бифаҳмон».
[37] Дар ҷавоби онҳо гуфт: «Корандаи тухми некӯ Писари Одам аст;
[38] Киштзор ин ҷаҳон аст; тухми некӯ писарони Малакут ҳастанд, ва мастакҳо писарони иблис мебошанд;+
[39] Ва душмане ки онҳоро кошт, иблис аст; мавсими дарав анҷоми олам аст, ва даравгарҳо фариштагонанд+.

[40] Пас, чӣ тавре ки мастакҳоро ҷамъ карда, дар оташ месӯзонанд,
анҷоми олам низ ҳамон тавр ҳоҳад шуд:
[41] Писари Одам фариштагони Худро ҳоҳад фиристод, ва онҳо аз
Малакути Ӯ ҳамаи васвасакорон ва бадкоронро ҷамъ хоҳанд кард,+
[42] Ва онҳоро ба кӯраи оташ хоҳанд андохт; дар он ҷо гирья ва
ғиҷирроси дандон хоҳад буд+.
[43] Он гох одилон дар Малакути Падари худ чун офтоб дурахшон
хоҳанд шуд. Ҳар кӣ гӯши шунаво дорад, бишнавад!+

## Сирри панҷум: ганҷи ниҳонӣ.

[44] Боз Малакути Осмон монанди ганҷест, ки дар киштзор ниҳон
бошад, ва онро касе ёфта, пинҳон кард, ва аз шодии он рафта, ҳар чи
дошт, фурӯхт ва он киштзорро харид.

## Сирри шашум: марворид.

[45] Боз Малакути Осмон монанди тоҷирест, ки марворидҳои хуб
меҷуст,
[46] Ва чун як марвориди гаронбаҳо ёфт, рафта, ҳар чи дошт, фурӯхт
ва онро харид.

## Сирри ҳафтум: тӯр.

[47] Боз Малакути Осмон монанди тӯрест, ки ба баҳр андохта шуд, ва
ҳар навъ моҳӣ ба он даромад,+
[48] Ва чун пур шуд, онро ба соҳил кашиданд ва нишаста, хубҳоро
дар зарфҳо ҷамъ карданд, лекин бадҳоро дур андохтанд+.
[49] Дар анҷоми олам ҳамин тавр хоҳад шуд: фариштагон берун
омада, бадкоронро аз миёни одилон ҷудо мекунанд,+
[50] Ва онҳоро ба кӯраи оташ меандозанд: дар он ҷо гирья ва
ғиҷирроси дандон хоҳад буд»+.
[51] Исо ба онҳо гуфт: «Оё ҳамаи инро фаҳмидед?» Ба Ӯ гуфтанд:
«Оре, Худовандо!»
[52] Ба онҳо гуфт: «Бинобар ин ҳар китобдоне ки дар Малакути
Осмон таълим ёфтааст, монанди соҳиби хонаест, ки аз ганҷинаи худ
чизҳои нав ва кӯҳна берун меоварад».

## Исо ба Носира бармегардад ва Ӯро боз мункир мешаванд.

53 •Вақте ки Исо ин масалҳоро ба охир расонд, аз он ҷо равона
шуд,
54 Ва ба зодгоҳи Худ омада, онҳоро дар куништҳошон таълим дод,
ба тавре ки онҳо дар ҳайрат монда, мегуфтанд: «Аз куҷост дар Ӯ
чунин ҳикмат ва мӯъҷизот+?
55 Оё Ӯ писари наҷҷор нест? Оё номи модараш Марьям нест, ва
бародаронаш Яъқуб, Йӯсе, Шимъӯн ва Яҳудо+?
56 Ва ҳамаи хоҳаронаш дар байни мо намебошанд? Пас, аз куҷост
дар Ӯ ҳамаи ин чизҳо?»
57 Ва дар ҳаққи Ӯ ба васваса меафтоданд. Лекин Исо ба онҳо гуфт:
«Пайғамбар беқадр набошад, ҷуз дар зодгоҳи худ ва дар хонаи худ»+.
58 Ва дар он ҷо ба сабаби беимонии онҳо мӯъҷизаи бисьёр нишон
надод.

## Беқарории Ҳиродус.
## Қатли Яҳъёи Таъмиддиҳанда.

**14** [1] •Дар он ҳангом овозаи Исо ба гӯши тетрарх* Ҳиродус
расид,
[2] Ва ба хизматгузорони худ гуфт: «Ин Яҳъёи Таъмиддиҳанда аст;
вай аз мурдагон эҳъё шудааст, ва аз ин сабаб ин мӯъҷизот аз вай ба
зуҳур меояд»+.
[3] Зеро ки Ҳиродус Яҳъёро дастгир карда ва баста, ба зиндон
андохта буд, ба хотири Ҳиродия, зани Филиппус бародараш;+
[4] Зеро Яҳъё ба вай гуфта буд: «Ба ту раво нест, ки вайро ба занӣ
бигирӣ»+.
[5] Ва мехост ӯро ба қатл расонад, лекин аз мардум тарсид, чунки
ӯро набӣ медонистанд+.
[6] Аммо вақте ки Ҳиродус рӯзи таваллуди худро ҷашн мегирифт,
духтари Ҳиродия дар пеши аҳли базм рақсид, ва ин ба Ҳиродус
бисьёр писанд афтод;
[7] Аз ин рӯ ба вай қасам ёд карда, ваъда дод, ки ҳар он чи хоҳад, ба
вай медиҳад+.
[8] Пас вай, бо талқини модари худ, гуфт: «Каллаи Яҳъёи
Таъмиддиҳандаро дар ҳамин ҷо дар табақе ба ман ҳадия бикун».
[9] Подшоҳ ғамгин шуд; лекин барои поси савгандаш ва ба хотири
ононе ки ҳамроҳаш нишаста буданд, амр фармуд, ки дода шавад,
[10] Ва ҷаллодеро фиристод, то дар зиндон каллаи Яҳъёро аз танаш
ҷудо кунад.
[11] Ва каллаи ӯро дар табақе оварда, ба духтар доданд, ва онро вай
ба модари худ бурд.
[12] Ва шогирдонаш омада, ҷасади вайро бардошта бурданду гӯр
карданд; ва рафта, ба Исо хабар доданд+.

[13] •Чун Ӯ инро шунид, ба қаиқ савор шуда, аз он ҷо танҳо ба ҷои
хилвате рафт; ва мардум, чун шуниданд, аз ақиби Ӯ аз шаҳрҳо пиёда
равона шуданд.
[14] Ва Исо берун омада, анбӯҳи мардумро дид, ва ба онҳо раҳмаш
омад, ва беморони онҳоро шифо дод.

## Сер шудани панҷ ҳазор мард.

15 Дар вақти аср шогирдонаш назди Ӯ омада, гуфтанд: «Ин ҷо ҷои
хилват аст, вақт ҳам дер шуд; мардумро ҷавоб деҳ, то ки ба деҳот
рафта, барои худ хӯроке бихаранд».
16 Ба онҳо гуфт: «Ҳоҷате нест, ки онҳо бираванд: шумо ба онҳо
хӯрок диҳед»+.
17 Ба Ӯ гуфтанд: «Мо дар ин ҷо фақат панҷ нон ва ду моҳӣ дорем».
18 Гуфт: «Онҳоро ин ҷо назди Ман биёред».
19 Ва мардумро фармуд, ки бар сабза биншинанд, ва панҷ нону ду
моҳиро гирифта, ба осмон нигаристу баракат дод ва нонро пора
карда, ба шогирдон дод, ва шогирдон ба мардум доданд.
20 Ҳама хӯрдаанду сер шуданд; ва аз пораҳои боқимонда дувоздаҳ
сабадро пур карда бардоштанд;
21 Ва хӯрандагон, ба ғайр аз занону бачагон, тақрибан панҷ ҳазор
мард буданд+.

## Исо бар об қадам мезанад.

## Сустимонии Петрус.

22 •Дарҳол Исо шогирдони Худро фармуд, ки ба қаиқ савор шуда,
пеш аз Ӯ ба соҳили дигар равона шаванд, то Ӯ мардумро ҷавоб диҳад.
23 Ва чун мардумро ҷавоб дод, барои дуо гуфтан танҳо бар фарози
кӯҳе баромад; бегоҳирӯзӣ низ дар он ҷо танҳо буд+.
24 Ва қаиқ ҳанӯз дар миёнаи баҳр буд ва аз мавҷҳо лат мехӯрд,
зеро ки боди мухолиф мевазид.
25 Ва дар поси чоруми шаб Исо бар баҳр қадам зада, назди онҳо
омад.
26 Ва шогирдон чун Ӯро диданд, ки бар баҳр қадам мезанад, дар
изтироб афтода, гуфтанд: «Ин шабаҳ аст!» Ва аз тарс фарьёд заданд+.
27 Лекин Исо дарҳол ба онҳо хитоб карда, гуфт: «Ором бошед; ин
Манам, ҳаросон нашавед».
28 Петрус дар ҷавоби Ӯ гуфт: «Худовандо! Агар ин Туӣ, ба ман амр
деҳ, то ки бар рӯи об назди Ту биёям».
29 Гуфт: «Биё». Ва Петрус аз қаиқ баромада, бар рӯи об равона шуд,
то ки назди Исо биёяд;
30 Лекин чун боди шадидро дид, ҳаросон шуд ва дар ҳолате ки ғарқ
мешуд, фарьёд кашид: «Худовандо! Маро халос кун».
31 Исо фавран дасташро дароз карда, вайро нигоҳ дошт ва гуфт:
«Эй сустимон! Чаро шубҳа кардӣ?»+
32 Вақте ки ба қаиқ даромаданд, бод сокит шуд.
33 Онҳое ки дар қаиқ буданд, назди Ӯ омада, саҷда карданд ва
гуфтанд: «Ҳақиқатан Ту Писари Худо ҳастӣ»+.

## Шифо ёфтани беморон дар Ҷинесор.

34 Ва аз баҳр гузашта, ба сарзамини Ҷинесор омаданд+.
35 Ва сокинони он мавзеъ Ӯро шинохтанд ва ба тамоми музофот
касонеро фиристода, ҳамаи беморонро назди Ӯ оварданд,
36 Ва аз Ӯ илтимос менамуданд, ки фақат домани ҷомаи Ӯро ламс
кунанд; ва ҳар кӣ ламс кард, шифо ёфт.

## Аҳкоми Худо аз ривоятҳои инсонӣ болотар аст.

15 [1] •Он гоҳ китобдонон ва фарисиён, ки аз Ерусалим буданд,
назди Исо омада, гуфтанд:
[2] «Чаро шогирдони Ту ривоятҳои муршидонро вайрон мекунанд?
Зеро ки пеш аз хӯрдани нон дастҳои худро намешӯянд»+.
[3] Ӯ ба онҳо ҷавоб дода, гуфт: «Чаро шумо ҳам ба хотири ривоятҳои
худ ҳукми Худоро вайрон мекунед+?
[4] Зеро ки Худо хукм кардааст: „Падару модари худро иззат намо“;
ва: „Ҳар кӣ падар ё модари худро дашном диҳад, албатта ҳалок
гардад“+.
[5] Лекин шумо мегӯед: „Ҳар гоҳ касе ба падар ё модари худ гӯяд:
«Он чи аз ман нафъ ёбӣ, ҳадия барои Худост»,
[6] Баъд аз он вай набояд падар ё модари худро ҳурмат кунад“. Ба
ҳамин тариқ шумо ҳукми Худоро бо ривояти худ бартараф намудаед.
[7] Эй риёкорон! Ишаъё дар бораи шумо некӯ пайғом дода,
гуфтааст:+
[8] „Ин мардум бо забони худ ба Ман наздик мешаванд
ва бо лабони худ Маро парастиш мекунанд,
лекин дилашон аз Ман дур аст;
[9] Пас Маро бар абас парастиш мекунанд,
зеро ки таълимоту аҳкоми инсониро таълим медиҳанд“»+.

## Одамро ба ҳузури Худо чӣ палид мекунад.

[10] Ва мардумро даъват намуда, гуфт: «Гӯш диҳед ва бифаҳмед:
[11] На он чи ба даҳон медарояд, одамро палид мекунад; балки он чи
аз даҳон мебарояд, одамро палид мекунад»+.
[12] Он гоҳ шогирдонаш назди Ӯ омада, гуфтанд: «Оё медонӣ, ки
фарисиён ин суханро шунида, ба васваса афтоданд?»
[13] Дар ҷавоб гуфт: «Ҳар ниҳоле ки Падари Ман, ки дар осмон аст,
нашинонда бошад, решакан хоҳад шуд;+
[14] Онҳоро ба ҳоли худашон бигзоред; онҳо кӯроне ҳастанд, ки ба
кӯрон роҳнамоӣ мекунанд; ва ҳар гоҳ кӯре ба кӯри дигаре роҳнамоӣ
кунад, ҳар ду дар чоҳ хоҳанд афтод»+.
[15] Петрус дар ҷавоби Ӯ гуфт: «Ин масалро ба мо фаҳмонда деҳ».
[16] Исо гуфт: «Оё шумо низ то ҳанӯз бефаҳм ҳастед?

17 Оё ҳанӯз дарк накардаед, ки ҳар он чи ба даҳон медароояд, ба
шикам меравад ва аз он хориҷ мешавад?
18 Лекин ҳар он чи аз даҳон мебарояд, аз дил пайдо мешавад; ва ин
чизҳо одамро палид мекунад;+
19 Зеро ки аз дил хаёлоти бад, қатл, зино, фисқ, дуздӣ, шаҳодати
бардурӯғ ва куфр пайдо мешавад:+
20 Ин чизҳо одамро палид мекунад; лекин бо дасти ношуста хӯрок
хӯрдан одамро палид намекунад».

## Шифо ёфтани духтари канъонӣ.

21 •Ва Исо аз он ҷо берун шуда, ба ҳудуди Сӯр ва Сидӯн рафт+.
22 Ва инак, як зани канъонӣ дар он ҳудуд пеш омада, фарьёдкунон
ба Ӯ гуфт: «Худовандо, Писари Довуд, ба ман марҳамат кун! Зеро ки
духтарам сахт дар чанги дев аст»+.
23 Лекин Ӯ ба вай ҳеҷ ҷавоб надод. Ва шогирдонаш назди Ӯ омада,
илтимос карданд: «Вайро ҷавоб деҳ, зеро ки аз ақиби мо фарьёд
мезанад».
24 Дар ҷавоб гуфт: «Ман фақат барои гӯсфандони гумшудаи
хонадони Исроил фиристода шудаам»+.
25 Лекин зан омада, ба Ӯ саҷда кард ва гуфт: «Худованно! Ба ман
мадад кун».
26 Дар ҷавоб гуфт: «Нони бачагонро гирифта, пеши сагон
партофтан хуб нест»+.
27 Зан гуфт: «Оре, Худовандо! Лекин сагон низ нонрезаҳоеро, ки аз
суфраи оғоёнашон меафтад, мехӯранд».
28 Исо дар ҷавоби вай гуфт: «Эй зан! Имони ту бузург аст; пас он чи
хостӣ, барои ту бишавад». Ва духтари вай ҳамон соат шифо ёфт.

## Шифо ёфтани беморони бисьёр.

29 •Исо аз он ҷо ҳаракат карда, назди баҳри Ҷалил омад ва бар
фарози кӯҳе баромада, дар он ҷо нишаст.
30 Ва мардуми бисьёре назди Ӯ бо лангон, кӯрон, гунгон, маъюбон
ва хеле беморони дигар омада, онҳоро пеши пойҳои Исо гузоштанд;
ва Ӯ онҳоро шифо дод,+

31 Ба тавре ки мардум гунгонро гӯё, маъюбонро солим, лангонро
равон ва кӯронро бино дида, дар ҳайрат монданд; ва Худои Исроилро
ҳамду сано хонданд.

## Сер шудани чор ҳазор мард.

32 Ва Исо шогирдони Худро пеш хонда, гуфт: «Ба ин мардум дилам
месӯзад, зеро ки се рӯз боз назди Ман мебошанд ва барои хӯрдан
чизе надоранд; намехоҳам онҳоро гурусна ҷавоб диҳам, ки мабодо
дар роҳ бемадор шаванд»+.
33 Шогирдонаш дар ҷавоби Ӯ гуфтанд: «Аз куҷо дар биёбон он
қадар нон ёбем, ки чунин анбӯҳро сер кунем?»+
34 Исо ба онҳо гуфт: «Чандто нон доред?» Гуфтанд: «Ҳафтто, ва
андак моҳии майда».
35 Пас ҷамоатро фармуд, ки бар замин биншинанд,
36 Ва ҳафт нон ва моҳиёнро гирифта, бо изҳори шукргузорӣ пора
кард ва ба шогирдонаш дод, ва шогирдон ба мардум доданд.
37 Ва ҳама хӯрда сер шуданд; ва аз пораҳои боқимонда ҳафт
сабадро пур карда бардоштанд;
38 Хӯрандагон, ғайр аз занону кӯдакон, чор ҳазор мард буданд+.
39 Пас Ӯ мардумро ҷавоб дода, ба қаиқ савор шуд ва ба худуди
Маҷдал омад.

## Фарисиён аломати осмонӣ металабанд.

16 1 •Фарисиён ва саддуқиён омаданд ва Ӯро озмуда, хоҳиш
карданд, ки аломати осмонӣ ба онҳо нишон диҳад+.
2 Дар ҷавоби онҳо гуфт: «Шомгоҳон шумо мегӯед: „Ҳаво хуб хоҳад
шуд, чунки осмон сурх аст“;
3 Бомдодон мегӯед: „Имрӯз ҳаво бад хоҳад шуд, чунки осмон
арғувонӣ ва гирифта мебошад“. Эй риёкорон! Қиёфаи осмонро фарқ
карда метавонеду аломоти замонҳоро наметавонед?
4 Насли шарир ва зинокор аломате металабад, ва ба вай ҷуз
аломати Юнуси набӣ дода нахоҳад шуд». Ва онҳоро тарк карда,
равона шуд+.

## Огоҳонидан аз таълимоти фарисиён ва саддуқиён.

5 •Ва чун шогирдон ба соҳили дигар убур карданд, нон
гирифтанро фаромӯш карда буданд.
6 Исо ба онҳо гуфт: «Бохабар бошед, аз хамиртуруши фарисиён ва
саддуқиён ҳазар кунед»+.
7 Онҳо дар дили худ андешида мегуфтанд: «Ин аз он сабаб аст, ки
нон нагирифтаем».
8 Исо инро дарьёфта, ба онҳо гуфт: «Эй сустимонҳо, чаро дар дили
худ андеша мекунед, ки нон нагирифтаед+?
9 Оё ҳанӯз намефаҳмед ва дар хотир надоред он панҷ нон ва панҷ
ҳазор нафар ва чанд сабадро, ки пур карда бардоштед+?
10 Ва он ҳафт нон ва чор ҳазор нафар ва чанд сабадро, ки пур карда
бардоштед+?
11 Чаро намефаҳмед, ки на дар бораи нон ба шумо гуфтам, ки аз
хамиртуруши фарисиён ва саддуқиён ҳазар кунед?»
12 Он гоҳ фаҳмиданд, ки Ӯ ба онҳо амр фармудааст на аз
хамиртуруши нон, балки аз таълими фарисиён ва саддуқиён ҳазар
кунанд.

## Эътирофи Петрус.

13 •Вақте ки Исо ба музофоти Қайсарияи Филиппус омад, аз
шогирдони Худ пурсид: «Мардум Маро, ки Писари Одам ҳастам, кӣ

мегӯянд?»
[14] Гуфтанд: «Баъзе мегӯянд, ки Яҳъёи Таъмиддиҳандаӣ, баъзе
мегӯянд, ки Ильёсӣ, ва баъзе мегӯянд, ки Ирмиёӣ ё яке аз
пайғамбаронӣ»+.
[15] Ӯ ба онҳо гуфт: «Шумо Маро кӣ мегӯед?»
[16] Шимъӯни Петрус ҷавоб дода гуфт: «Ту Масеҳ, Писари Худои Ҳай
ҳастӣ»+.

## Башорати аввалин дар бораи калисо.

[17] Ва Исо дар ҷавоби вай гуфт: «Хушо ту, эй Шимъӯн писари Юнус,
чунки башар инро ба ту зоҳир накардааст, балки Падари Ман, ки дар
осмон аст+.
[18] Ва Ман ба ту мегӯям: ту Петрус ҳастӣ, ва бар ин сахра Ман
калисои Худро бино мекунам, ва дарвозаҳои дӯзах бар он ғолиб
нахоҳад шуд;+
[19] Ва калидҳои Малакути Осмонро ба ту месупорам, ва он чи ту бар
замин бибандӣ, дар осмон баста хоҳад шуд; ва он чи бар замин
кушоӣ, дар осмон кушода хоҳад шуд»+.
[20] Он гоҳ ба шогирдони Худ таъин кард, ки ба ҳеҷ кас нагӯянд, ки Ӯ
Исои Масеҳ аст+.

## Исо ба шогирдон дар бораи мамот ва эҳъёи Худ эълон мекунад.

[21] •Аз ҳамон вақт Исо ба фаҳмондан ба шогирдони Худ оғоз намуд,
ки Ӯ бояд ба Ерусалим равад ва аз дасти пирон, саркоҳинон ва
китобдонон бисьёр азоб кашад, ва кушта шавад, ва пас аз се рӯз эҳьё
шавад+.
[22] Ва Петрус Ӯро ба як сӯ бурда, ба эътироз кардан шурӯъ намуд:
«Ҳошо Туро, эй Худованд! Ин ба Ту ҳаргиз рӯй нахоҳад дод!»
[23] Аммо Ӯ баргашта ба Петрус гуфт: «Эй шайтон, аз Ман дур шав!
Ту васвасакоре барои Ман ҳастӣ, зеро ту на дар бораи амру наҳйи
Худо, балки аз чизҳои инсонӣ андеша мекунӣ»+.
[24] Он гоҳ Исо ба шогирдони Худ гуфт: «Агар касе хоҳад аз ақиби
Ман биёяд, бояд хештанро инкор карда ва салиби худро бардошта,
Маро пайравӣ намояд;+

25 Зеро ҳар кӣ ҷони худро раҳонидан хоҳад, онро барбод медиҳад;
ва ҳар кӣ ҷони худро дар роҳи Ман барбод диҳад, онро пайдо
мекунад;+
26 Ба одам чӣ фоида дорад, ки агар вай тамоми дуньёро ба даст
оварад ва ба ҷони худ зиён расонад? Ё ки одамизод ба ивази ҷони худ
чӣ фидияе медиҳад+?
27 Зеро ки Писари Одам дар ҷалоли Падари Худ бо фариштагони
Худ хоҳад омад, ва он вақт ба ҳар кас мувофиқи аъмолаш подош
хоҳад дод+.

## Дигаргун шудани Худованд.

## Симои Малакуте ки меояд.

28 Ба ростӣ ба шумо мегӯям: аз истодагон дар ин ҷо баъзе ҳастанд,
ки то Писари Одамро, ки дар Малакути Худ меояд, набинанд, зоиқаи
маргро нахоҳанд чашид»+.

**17** 1 •Баъд аз шаш рӯз Исо Петрус, Яъқуб ва бародари вай
Юҳанноро ҳамроҳи Худ бурд ва онҳоро танҳо ба кӯҳи баланде
баровард,+
2 Ва дар пеши назари онҳо дигаргун шуд: чеҳрааш чун офтоб
дурахшид, ва либосаш чун нур сафед гардид+.
3 Ва инак, Мусо ва Ильёс ба онҳо намоён шуданд, ки бо Ӯ гуфтугӯ
мекарданд+.
4 Он гоҳ Петрус ба Исо гуфт: «Худовандо! Дар ин ҷо будани мо
некӯст; агар хоҳӣ, дар ин ҷо се чодар месозем: яке барои Ту, яке
барои Мусо ва яке барои Ильёс».
5 Ҳанӯз вай сухан мегуфт, ва инак абри дурахшандае бар онҳо соя
андохт; ва инак овозе аз даруни абр баромад, ки мегуфт: «Ин аст
Писари Маҳбуби Ман, ки ҳусни таваҷҷӯҳи Ман бар Ӯст; Ӯро
бишнавед»+.
6 Чун шогирдон инро шуниданд, рӯй ба замин афтоданд ва бисьёр
тарсиданд.
7 Лекин Исо наздик омада, ба онҳо даст расонд ва гуфт: «Бархезед
ва ҳаросон нашавед».
8 Ва онҳо чашмони худро кушода, ҷуз Исо касеро надиданд.
9 Чун аз кӯҳ мефуромаданд, Исо таъкид намуда, гуфт: «То Писари
Одам аз мурдагон эҳьё нашавад, ин рӯъёро ба касе нагӯед»+.
10 Ва шогирдонаш аз Ӯ пурсиданд: «Чаро китобдонон мегӯянд, ки
Ильёс бояд аввал биёяд?»
11 Исо дар ҷавоби онҳо гуфт: «Дуруст аст, ки Ильёс бояд аввал
биёяд ва ҳама чизро соз кунад;+
12 Лекин ба шумо мегӯям, ки Ильёс аллакай омад, ва онҳо вайро
нашинохтанд, ва бо вай он чи ҳостанд, карданд; Писари Одам низ аз
дасти онҳо уқубат ҳоҳад кашид»+.
13 Он гоҳ шогирдон фаҳмиданд, ки Ӯ дар бораи Яҳьёи
Таъмиддиҳанда ба онҳо суҳан мегуфт+.

## Шифо ёфтани девона.

14 •Чун онҳо назди мардум омаданд, марде пеш омада, назди Ӯ
зону зад,

15 Ва гуфт: «Худовандо! Ба писари ман марҳамат кун; вай масрӯъ
аст ва саҳт азият мекашад, зеро ки худро дам ба дам дар оташ
меандозад ва дам ба дам дар об;
16 Вайро ба шогирдони Ту овардам, онҳо шифо дода
натавонистанд».
17 Исо дар ҷавоб гуфт: «Эй насли беимон ва каҷрафтор! То кай бо
шумо бошам? То ба кай шуморо тоқат кунам? Вайро ин ҷо назди Ман
биёред».
18 Ва Исо ба вай амр фармуд; ва дев аз вай берун рафт; ва он писар
дарҳол шифо ёфт+.
19 Шогирдонаш назди Исо омада, ба танҳоӣ аз Ӯ пурсиданд: «Чаро
мо онро берун карда натавонистем?»
20 Исо ба онҳо гуфт: «Ба сабаби беимонии шумо; зеро ба ростӣ ба
шумо мегӯям: агар ба андозаи донаи хардале имон дошта бошед ва ба
ин кӯҳ бигӯед: „Аз ин ҷо ба он ҷо кӯч кун“, он кӯч хоҳад кард; ва ҳеҷ
чиз барои шумо ғайриимкон нахоҳад буд;+
21 Лекин ин ҷинс фақат ба воситаи дуо ва рӯза берун меравад».

## Исо аз нав дар бораи мамот ва эҳёи Худ эълон мекунад.

22 •Вақте ки онҳо дар Ҷалил мегаштанд, Исо ба онҳо гуфт: «Писари
Одам ба дасти одамон таслим карда ҳоҳад шуд,
23 Ва Ӯро хоҳанд кушт, ва дар рӯзи сеюм эҳьё ҳоҳад шуд». Ва онҳо
бисьёр ғамгин шуданд+.

## Хироҷ барои маъбад.

24 Чун онҳо ба Кафарнаҳум расиданд, ҷамъкунандагони
дудирҳам* назди Петрус омада, гуфтанд: «Оё Устоди шумо
дудирҳамро намедиҳад?»+
25 Гуфт: «Оре». Ва чун ба хона даромад, пеш аз он ки чизе бигӯяд,
Исо ба вай гуфт: «Эй Шимъӯн, фикри ту чист? Подшоҳони ҷаҳон боҷ
ва хироҷро аз киҳо мегиранд? Аз фарзандони худ ё аз бегонагон?»
26 Петрус ба Ӯ гуфт: «Аз бегонагон». Исо ба вай гуфт: «Пас
фарзандон озоданд;
27 Лекин барои он ки онҳоро ба васваса наандозем, ба соҳили баҳр
рафта, қалмоқе биандоз, ва аввалин моҳиро, ки банд шуд, бигир; ва

даҳонашро кушода, истатир* хоҳӣ ёфт; онро гирифта, барои Ман ва барои худат ба онҳо бидеҳ»+.

## Исо иззатталабии шогирдонро мазаммат мекунад.

18 1 •Дар он соат шогирдон назди Исо омада, гуфтанд: «Дар
Малакути Осмон кист бузургтар?»
2 Исо кӯдакеро ҷеғ зада, дар миёни онҳо ба по гузошт,
3 Ва гуфт: «Ба ростӣ ба шумо мегӯям: агар руҷӯъ накунед ва
монанди кӯдакон нашавед, ба Малакути Осмон нахоҳед даромад+.
4 Пас, ҳар кӣ худро мисли ин кӯдак фурӯтан созад, дар Малакути
Осмон вай бузургтар аст;
5 Ва ҳар кӣ яке аз ин гуна кӯдаконро ба исми Ман қабул кунад, вай
Маро қабул мекунад;+
6 Ва ҳар кӣ яке аз ин тифлонро, ки ба Ман имон меоваранд, ба
васваса андозад, барои вай беҳтар аст, ки санги осиёе бар гарданаш
овехта, вайро дар қаъри баҳр ғарқ кунанд.

## Мубориза ба муқобили васвасаҳо.

7 Вой бар ҳоли ҷаҳон ба сабаби васвасаҳо, зеро ки вуқӯи васвасаҳо
ногузир аст; лекин вой бар ҳоли касе ки сабаби васвасаҳо гардад+.
8 Пас, агар дастат ё поят туро ба васваса андозад, онро бурида, аз
худ дур андоз: барои ту беҳтар аст, ки ланг ва ё шал шуда, ба ҳаёт
дароӣ, аз ин ки бо ду даст ва ё бо ду по дар оташи ҷовидонӣ андохта
шавӣ;+
9 Ва агар чашмат туро ба васваса андозад, онро канда, аз худ дур
андоз: барои ту беҳтар аст, ки якчашма шуда ба ҳаёт дароӣ, аз ин ки
бо ду чашм дар оташи дӯзах андохта шавӣ+.

## Гӯсфанди гумшуда. Худованд ҷустуҷӯ менамояд.

10 •Зинҳор, ҳеҷ яке аз ин тифлонро хор нашуморед; зеро ба шумо
мегӯям, ки фариштаҳои онҳо дар осмон ҳамеша рӯи Падари Маро, ки
дар осмон аст, мебинанд.
11 Зеро ки Писари Одам омадааст, то ки гумшударо наҷот диҳад.
12 Фикри шумо чист? Агар касе сад гӯсфанд дошта бошад, ва яке аз
онҳо гум шавад, оё вай наваду нӯҳро дар кӯҳсор гузошта, ба ҷустуҷӯи
он як гумшуда намеравад?
13 Ва агар иттифоқан онро ёбад, ба ростӣ ба шумо мегӯям, барои
он бештар шодӣ мекунад аз он наваду нӯҳ, ки гум нашудаанд.

14 Ба ҳамин тариқ, иродаи Падари шумо, ки дар осмон аст, ин нест,
ки яке аз ин тифлон нобуд шавад+.

## Тартиб дар калисои оянда.

## Дуои умумӣ.

15 •Агар бародарат ба ту гуноҳ кунад, рафта байни худат ва ӯ ба
танҳоӣ гуноҳашро фаҳмон: агар ба сухани ту гӯш диҳад, бародари
худро дарьёфтӣ;+
16 Ва агар гӯш надиҳад, як ё ду каси дигарро ҳамроҳи худ бигир, то
ки аз забони ду ё се шоҳид ҳар сухан тасдиқ шавад+.
17 Ва агар ба онҳо гӯш надиҳад, ба калисо бигӯ; ва агар ба калисо
низ гӯш надиҳад, бигзор ӯ барои ту чун халқҳо ва ё чун боҷгир
бошад+.
18 Ба ростӣ ба шумо мегӯям: он чи шумо бар замин бандед, дар
осмон баста хоҳад шуд; ва он чи бар замин кушоед, дар осмон кушода
хоҳад шуд.
19 Ҳамчунин ба ростӣ ба шумо мегӯям, ки агар ду нафар аз шумо
бар замин дар бораи талабидани ҳар чиз муттафиқ шаванд, аз
тарафи Падари Ман, ки дар осмон аст, ба онҳо бахшида хоҳад шуд+.
20 Зеро дар ҷое ки ду ё се кас ба исми Ман ҷамъ шаванд, Ман дар
миёни онҳо ҳастам».

## Муҳаббат афв менамояд.

## Масал дар бораи оғои раҳмдил ва хизматгори бераҳм.

21 Он гоҳ Петрус назди Ӯ омада, гуфт: «Худовандо! Чанд бор ба
бародари худ, ки нисбат ба ман гуноҳ карда бошад, афв намоям? Оё
то ҳафт бор?»+
22 Исо ба вай гуфт: «Ба ту намегӯям: „То ҳафт бор“, балки то
ҳафтод карат ҳафт бор.
23 Аз ин рӯ Малакути Осмон монанди подшоҳест, ки мехост бо
ғуломони худ ҳисобӣ кунад.
24 Вақте ки ба ҳисобӣ кардан шурӯъ намуд, якеро назди вай
оварданд, ки даҳ ҳазор талант* аз вай қарз дошт.
25 Чун чизе барои адои қарз надошт, оғояш амр фармуд, ки худаш,
занаш, фарзандонаш ва ҳамаи дороияшро фурӯхта, қарзашро адо

кунанд+.
[26] Ғулом рӯй ба замин ниҳода, ба вай саҷда бурд ва гуфт: „Эй оғо!
Ба ман мӯҳлат деҳ, ва ман ҳамаашро ба ту адо хоҳам кард“.
[27] Ва оғои он ғулом, раҳмаш омада, вайро ҷавоб дод ва қарзашро ба
вай бахшид.
[28] Лекин чун ғулом берун рафт, яке аз рафиқони худро ёфт, ки аз ӯ
сад динор қарздор буд; вайро сахт дошта ва гулӯяшро фишурда, гуфт:
„Он қарзатро ба ман адо кун“.
[29] Он рафиқаш ба пойҳои ӯ афтода ва илтимос намуда, гуфт: „Ба
ман мӯҳлат деҳ, ва ман ҳамаашро ба ту адо хоҳам кард“.
[30] Аммо ӯ розӣ нашуд, балки рафта, вайро дар зиндон андохт, то
ки қарзашро адо кунад+.
[31] Чун рафиқонаш ин воқеаро диданд, бисьёр ғамгин шуданд ва
назди оғои худ омада, ҳар он чи рӯй дода буд, ба вай нақл карданд.
[32] Он гоҳ оғояш ӯро назди худ даъват намуда, гуфт: „Эй ғуломи
шарир! Тамоми қарзатро ман ба ту бахшидам, зеро ки ту аз ман
илтимос кардӣ;
[33] Оё туро низ лозим набуд, ки ба рафиқи худ раҳм кунӣ, чунон ки
ман ба ту раҳм кардам?“
[34] Ва оғояш ба хашм омада, ӯро ба шиканҷакунандагон супурд, то
тамоми қарзашро адо кунад.
[35] Ҳамин тавр Падари Ман, ки дар осмон аст, бо шумо низ амал
хоҳад кард, агар ҳар яке аз шумо гуноҳҳои бародари худро аз самими
қалб афв накунад»+.

**19** [1] •Вақте ки Исо ин суханонро ба анҷом расонд, аз Ҷалил
бaромада, ба он сӯи Урдун, ба ҳудуди Яҳудо омад.
[2] Мардуми бисьёре аз ақиби Ӯ омаданд, ва Ӯ онҳоро шифо дод.

## Исо дар бораи талоқ.

[3] Ва фарисиён наздик омада ва Ӯро озмуданӣ шуда, гуфтанд: «Оё
ҷоиз аст, ки мард зани худро бо ҳар сабаб талоқ диҳад?»
[4] Дар ҷавоби онҳо гуфт: «Оё нахондаед, ки Офаридагор дар ибтидо
онҳоро марду зан офарид+?
[5] Ва гуфт: „Аз ин сабаб мард падару модари худро тарк карда, бо
зани худ мепайвандад, ва ҳар ду як тан мешаванд“,+
[6] Ба тавре ки онҳо акнун ду тан не, балки як тан мебошанд. Пас, он
чиро, ки Худо бо ҳам пайвастааст, одам набояд ҷудо кунад»+.
[7] Ба Ӯ гуфтанд: «Пас чаро Мусо амр фармудааст, ки мард
талоқномае дода, аз зан ҷудо шавад?»+
[8] Ба онҳо гуфт: «Ба сабаби дилсахтии шумо Мусо ба шумо иҷозат
додааст, ки занони худро талоқ диҳед; лекин дар ибтидо чунин
набуд;
[9] Аммо Ман ба шумо мегӯям: ҳар кӣ зани худро, ба ҷуз сабаби
зино, талоқ диҳад ва дигареро никоҳ кунад, зино карда бошад; ва ҳар
кӣ зани талоқшударо гирад, зино карда бошад»+.
[10] Шогирдонаш ба Ӯ гуфтанд: «Агар аҳволи мард бо занаш чунин
бошад, зан нагирифтан беҳтар аст».
[11] Ба онҳо гуфт: «На ҳама метавонанд ин каломро қабул кунанд,
балки танҳо касоне ки ба онҳо ато шудааст;+
[12] Зеро ахтаҳое ҳастанд, ки аз шиками модар чунин таваллуд
шудаанд; ва ахтаҳое ҳастанд, ки аз дасти одамон ахта шудаанд; ва
ахтаҳое ҳастанд, ки ба хотири Малакути Осмон худро ахта кардаанд.
Ҳар кӣ қабул карда метавонад, қабул кунад».

## Исо кӯдаконро мепазирад ва дуо мекунад.

[13] •Дар ин вақт кӯдаконро назди Ӯ оварданд, то ки дастҳои Худро
бар онҳо ниҳода, дуо кунад; лекин шогирдон ба онҳо монеъ шуданд.
[14] Исо гуфт: «Кӯдаконро бигзоред, ки назди Ман оянд, ва ба онҳо
монеъ нашавед, зеро Малакути Осмон ба чунин касон тааллуқ

дорад»+.
[15] Ва дастҳои Худро бар онҳо ниҳода, аз он ҷо равона шуд.

## Исо ва ҷавони сарватдор.

[16] •Ва инак, яке назди Ӯ омада, гуфт: «Эй Устоди Некӯ! Чӣ кори нек кунам, то ки ҳаёти ҷовидонӣ ёбам?»+
[17] Ба вай гуфт: «Чаро Маро некӯ мегӯӣ? Хеҷ кас некӯ нест, чуз Худои ягона. Лекин агар мехоҳӣ дохили ҳаёт шавӣ, аҳкомро нигоҳ дор»+.
[18] Ба Ӯ гуфт: «Кадом аҳкомро?» Исо гуфт: «Қатл накун; зино накун; дуздӣ накун; шаҳодати бардурӯғ надеҳ;
[19] Падару модаратро иззат намо; ва ёри худро мисли худ дӯст бидор»+.
[20] Ҷавон ба Ӯ гуфт: «Ҳамаи инро ман аз кӯдакӣ нигоҳ доштаам; дигар чӣ камбудӣ дорам?»+
[21] Исо ба вай гуфт: «Агар хоҳӣ комил шавӣ, рафта, ҳар он чи дорӣ, бифурӯш ва ба мискинон бидеҳ; ва дар осмон ганҷе хоҳӣ ёфт; ва омада, Маро пайравӣ кун»+.
[22] Чун ҷавон ин суханро шунид, ғамгин шуда, рафт, чунки молу мулки бисьёр дошт.
[23] Ва Исо ба шогирдони Худ гуфт: «Ба ростӣ ба шумо мегӯям, ки ба Малакути Осмон даромадани сарватдор душвор аст;+
[24] Ва боз ба шумо мегӯям: аз сӯрохи сӯзан гузаштани шутур осонтар аст аз он ки сарватдор ба Малакути Худо дохил шавад».
[25] Чун шогирдон инро шуниданд, бағоят дар ҳайрат шуда, гуфтанд: «Пас кӣ метавонад наҷот ёбад?»
[26] Исо ба онҳо нигоҳ карда, гуфт: «Ба одамизод ин ғайриимкон аст, лекин ба Худо ҳама чиз имконпазир аст»+.

## Мукофоти ҳавворийён.

[27] Он гоҳ Петрус дар ҷавоби Ӯ гуфт: «Инак, мо ҳама чизро тарк карда, Туро пайравӣ намудаем; подоши мо чӣ хоҳад буд?»+
[28] Исо ба онҳо гуфт: «Ба ростӣ ба шумо мегӯям, шумо, ки Маро пайравӣ намудаед, дар умри дубора, вақте ки Писари Одам бар тахти ҷалоли Худ биншинад, шумо низ бар дувоздаҳ тахт нишаста, бар дувоздаҳ сибти Исроил доварӣ хоҳед кард;+

29 Ва ҳар кӣ аз баҳри исми Ман хонаҳо, ё бародарон, ё хоҳарон, ё
падар, ё модар, ё зан, ё фарзандон, ё амлокро тарк кунад, сад чандон
хоҳад ёфт ва ворили ҳаёти ҷовидонӣ хоҳад шуд;+
30 Лекин басо аввалин, ки охирин хоҳанд шуд, ва охирин —
аввалин+.

## Масал дар бораи коргарони токзор.

20 1 Зеро Малакути Осмон монанди соҳиби хонаест, ки бомдодон берун рафт, то ки барои токзори худ коргаронро киро кунад,

2 Ва бо коргарон рӯзе як динорӣ паймон карда, онҳоро ба токзори худ фиристод.

3 Ва қариби соати сеюм* берун рафта, дигаронро дид, ки дар бозор бекор истодаанд,

4 Ва ба онҳо гуфт: „Шумо низ ба токзори ман равед, ва он чи ҳаққи шумо бошад, ба шумо хоҳам дод“. Ва онҳо рафтанд.

5 Боз қариби соатҳои шашум* ва нӯҳум* берун рафта, ҳамчунин кард.

6 Ва қариби соати ёздаҳум* берун рафта, дигаронро дид, ки бекор истодаанд, ва ба онҳо гуфт: „Барои чӣ шумо тамоми рӯз дар ин ҷо бекор истодаед?“

7 Ба вай гуфтанд: „Касе моро киро накард“. Ба онҳо гуфт: „Шумо низ ба токзори ман равед, ва он чи ҳаққи шумо бошад, ба шумо хоҳам дод“.

8 Чун шом расид, соҳиби токзор ба амалдори худ гуфт: „Коргаронро ҷеғ зада, муздашонро аз охирин то аввалин бидеҳ“+.

9 Онҳое ки қариби соати ёздаҳум омада буданд, ҳар яке диноре гирифтанд.

10 Онҳое ки аввалин шуда омада буданд, хаёл карданд, ки бештар хоҳанд гирифт; лекин онҳо низ ҳар яке диноре гирифтанд;

11 Ва чун гирифтанд, аз соҳиби хона шикоят карда,

12 Гуфтанд: „Ин охиромадагон як соат кор карданд, ва ту онҳоро бо мо, ки сахтӣ ва гармии рӯзро аз сар гузарондем, баробар донистӣ“.

13 Лекин вай дар ҷавоби яке аз онҳо гуфт: „Эй рафиқ! Туро озор надодаам; оё ту ба як динор бо ман паймон накардӣ?

14 Музди худро гирифта, рав; мехоҳам ба ин охирин мисли ту диҳам;

15 Оё ҳақ надорам, ки бо чизи худ он чи хоҳам, бикунам? Оё аз он ки ман некдил ҳастам, ту ҳасад мебарӣ?“

[16] Ба ин тариқа охиринҳо аввалин хоҳанд шуд, ва аввалинҳо —
охирин; зеро ки даъватшудагон бисьёранд, аммо баргузидагон —
кам»+.

## Исо боз дар бораи мамот ва эҳъёи Худ эълон мекунад.

[17] •Ва ҳангоме ки ба Ерусалим мерафтанд, Исо дар аснои роҳ
дувоздаҳ шогирдашро танҳо назди Худ хонда, ба онҳо гуфт:
[18] «Инак, мо сӯи Ерусалим меравем, ва Писари Одам ба дасти
саркоҳинон ва китобдонон таслим карда хоҳад шуд, ва Ӯро ба марг
маҳкум хоҳанд кард;
[19] Ва Ӯро ба дасти ғайрияҳудиён таслим хоҳанд кард, то ки
тамасхур намоянд, тозиёна зананд ва маслуб кунанд; ва дар рӯзи
сеюм эҳьё хоҳад шуд»+.

## Хоҳиши иззатталабонаи Саломия дар бораи писаронаш.

[20] •Он гоҳ модари писарони Забдой бо писарони худ назди Ӯ
омада ва саҷда бурда, аз Ӯ чизе илтимос кард+.
[21] Исо ба вай гуфт: «Чӣ хоҳиш дорӣ?» Гуфт: «Бифармо, ки ду
писари ман дар Малакути Ту яке дар тарафи ростат ва дигаре дар
тарафи чапат биншинанд»+.
[22] Исо дар ҷавоб гуфт: «Шумо намефаҳмед, ки чӣ мехоҳед; оё
метавонед он косаеро, ки Ман менӯшам, бинӯшед ва таъмидеро, ки
Ман меёбам, биёбед?» Ба Ӯ гуфтанд: «Метавонем»+.
[23] Ба онҳо гуфт: «Косаи Маро хоҳед нӯшид, ва таъмидеро, ки Ман
меёбам, хоҳед ёфт; лекин имконияти дар тарафи росту чапи Ман
нишастанатон дар дасти Ман нест, ки бидиҳам; ҷуз онҳое ки
барояшон аз ҷониби Падари Ман муҳайё шуда бошад».
[24] Ва он даҳ нафар, чун инро шуниданд, аз он ду бародар норозӣ
шуданд.
[25] Аммо Исо онҳоро назди Худ хонда, гуфт: «Шумо медонед, ки
мирони халқҳо бар онҳо ҳукмронӣ мекунанд, ва акобирашон бар
онҳо фармонраво мешаванд;
[26] Лекин дар миёни шумо набояд ин тавр шавад: балки ҳар кӣ дар
байни шумо хоҳад бузург бошад, хизматгори шумо шавад+.

27 Ва ҳар кӣ хоҳад дар байни шумо нахустин бошад, ғуломи шумо
шавад;
28 Чунки Писари Одам на барои он омад, ки ба Ӯ хизмат кунанд,
балки барои он ки хизмат кунад ва ҷони Худро барои фидияи бисьёр
касон бидиҳад»+.

## Шифо ёфтани ду кӯр дар наздикии Ериҳӯ.

29 •Ва ҳангоме ки онҳо аз Ериҳӯ мебаромаданд, мардуми бисьёре
аз ақиби Ӯ мерафтанд+.
30 Ва инак, ду кӯр, ки дар канори роҳ нишаста буданд, гузаштани
Исоро шунида, фарьёдкунон гуфтанд: «Эй Худованд, Писари Довуд!
Ба мо марҳамат кун»+.
31 Мардум онҳоро ба хомӯш шудан водор мекарданд; лекин онҳо
боз ҳам бештар фарьёд мезаданд: «Эй Худованд, Писари Довуд! Ба мо
марҳамат кун».
32 Исо истода, онҳоро назди Худ хонд ва гуфт: «Чӣ мехоҳед, ки
барои шумо бикунам?»
33 Ба Ӯ гуфтанд: «Худовандо! Мехоҳем чашмони мо кушода
шавад».
34 Пас Исо ба онҳо раҳм карда, чашмҳошонро ламс намуд; ва
дарҳол бино гашта, аз ақиби Ӯ равона шуданд+.

## Ба Ерусалим ворид шудани Исо.

**21** 1 •Чун ба Ерусалим наздик шуда, ба Байт-Фоҷии назди кӯҳи
Зайтун расиданд, Исо ду шогирди Худро фиристода,+
2 Ба онҳо гуфт: «Ба ин деҳа, ки рӯ ба рӯи шумост, биравед; ва
дарҳол модахареро баста хоҳед ёфт, ки куррааш назди вай аст;
онҳоро воз карда, назди Ман биёред;
3 Ва агар касе ба шумо ҳарфе занад, бигӯед, ки Худованд ба инҳо
эҳтиёҷ дорад; ва дарҳол онҳоро хоҳад фиристод».
4 Ин ҳама рӯй дод, то ба амал ояд каломе ки бо забони набӣ гуфта
шудааст:+
5 «Ба духтари Сион бигӯед:
„Инак, Подшоҳи ту бар харе, бар курраи бачаи модахар савор шуда,
бо фурӯтанӣ назди ту меояд“».
6 Шогирдон рафтанд ва он чи Исо фармуда буд, ба ҷо оварданд:
7 Модаҳар ва курраро оварда, ҷомаҳои худро бар онҳо афканданд,
ва Ӯ бар онҳо савор шуд.
8 Мардуми бисьёре ҷомахои худро бар роҳ густурданд, ва дигарон
шохаҳои дарахтонро бурида, бар роҳ густурданд;+
9 Ва мардуме ки аз пеш ва аз пас равона буданд, хитоб мекарданд:
«Ҳӯшаъно* ба Писари Довуд!
Муборак аст Он ки ба исми Худованд меояд!
Ҳӯшаъно дар арши аъло!»+
10 Ва ҳангоме ки Ӯ ба Ерусалим ворид шуд, тамоми аҳли шаҳр ба
ошӯб омада, мегуфтанд: «Ин кист?»
11 Мардум мегуфтанд: «Ин аст Исои Пайғамбар аз Носираи
Ҷалил»+.

## Исо бори дуюм маъбадро пок мекунад.

12 •Ва Исо ба маъбади Худо даромада, ҳамаи онҳоеро, ки дар
маъбад харидуфурӯш мекарданд, пеш кард, мизҳои саррофон ва
курсиҳои кафтарфурӯшонро чаппа кард+.
13 Ва ба онҳо гуфт: «Навишта шудааст, ки „хонаи Ман хонаи ибодат
номида хоҳад шуд“; аммо шумо онро ба дуздхона мубаддал
кардаед»+.

14 Дар маъбад назди Ӯ кӯрон ва лангон омаданд, ва Ӯ онҳоро шифо
дод.
15 Чун саркоҳинон ва китобдонон диданд, ки Ӯ мӯъҷизаҳоро ба
амал овард, ва кӯдакон дар маъбад «ҳӯшаъно ба Писари Довуд!» гӯён
хитоб мекарданд, хашмгин шуданд,+
16 Ва ба Ӯ гуфтанд: «Оё Ту мешунавӣ, ки онҳо чӣ мегӯянд?» Исо ба
онҳо гуфт: «Оре! Магар нахондаед: „Аз даҳони кӯдакон ва ширмакон
ҳамдро ба вуҷуд овардаӣ“?»+
17 Ва онҳоро тарк карда, аз шаҳр сӯи Байт-Ҳинӣ рафт ва шабро дар
он ҷо гузаронд+.

## Дарахти анҷири хушкшуда.

18 •Бомдодон, вақте ки ба шаҳр бармегашт, гурусна монд;+
19 Дар сари роҳ дарахти анҷире дида, назди он рафт ва, ҷуз баргҳо,
чизе бар он наёфта, ба он гуфт: «Пас аз ин то абад мевае аз ту
нарӯяд». Ва ҳамон дам дарахти анҷир хушк шуд+.
20 Шогирдон инро дида, дар тааҷҷуб монданд ва гуфтанд: «Чӣ гуна
ин дарахти анҷир даррав хушк шуд?»
21 Исо дар ҷавоби онҳо гуфт: «Ба ростӣ ба шумо мегӯям: агар имон
дошта бошед ва шубҳа накунед, на танҳо онро, ки ба дарахти анҷир
рӯй дод, ба амал хоҳед овард, балки агар ба ин кӯҳ гӯед, ки „бархоста,
худро дар баҳр афкан“, — чунин хоҳад шуд;+
22 Ва ҳар он чи дар дуо бо имон талаб кунед, хохед ёфт»+.

## Масъалаи қудрати Исо.

23 •Ва ҳангоме ки ба маъбад омада таълим медод, саркоҳинон ва
пирони қавм назди Ӯ омада, гуфтанд: «Бо кадом қудрат ин корҳоро
мекунӣ? Ва кист, ки ин қудратро ба Ту додааст?»+
24 Исо дар ҷавоби онҳо гуфт: «Ман ҳам аз шумо чизе мепурсам;
агар шумо онро ба Ман гӯед, Ман ҳам ба шумо хоҳам гуфт, ки бо
кадом қудрат ин корҳоро мекунам;
25 Таъмиди Яҳьё аз куҷо буд: аз осмон ё аз инсон?» Аммо онҳо дар
дили худ андеша мекарданд: «Агар гӯем, ки „аз осмон буд“, Ӯ бигӯяд:
„Пас чаро ба вай имон наовардед?“+

26 Ва агар гӯем, ки „аз инсон буд“, — аз мардум метарсем, зеро ки
ҳама Яҳъёро набӣ медонанд»+.
27 Ва дар ҷавоби Исо гуфтанд: «Намедонем». Ӯ низ ба онҳо гуфт:
«Ман ҳам ба шумо намегӯям, ки бо кадом қудрат ин корҳоро
мекунам.

## Масал дар бораи ду писар.

28 Лекин фикри шумо чист? Марде ду писар дошт; ва назди
нахустин омада, гуфт: „Писарам! Имрӯз ба токзори ман рафта кор
кун“.
29 Дар ҷавоб гуфт: „Намехоҳам“; аммо баъд пушаймон шуд ва
рафт.
30 Назди дигаре омада, ҳамон гапро гуфт. Вай дар ҷавоб гуфт:
„Меравам, оғо“; ва нарафт.
31 Кадом як аз ин ду нафар хоҳиши падарро ба ҷо овард?» Ба Ӯ
гуфтанд: «Нахустин». Исо ба онҳо гуфт: «Ба ростӣ ба шумо мегӯям,
ки боҷгирон ва фоҳишагон пеш аз шумо ба Малакути Худо дохил
хоҳанд шуд;
32 Зеро ки Яҳъё назди шумо бо роҳи адолат омад, ва шумо ба ӯ
имон наовардед, лекин боҷгирон ва фоҳишагон ба ӯ имон оварданд;
ва шумо, инро дида, баъд аз он ҳам тавба накардед, то ки ба ӯ имон
оваред+.

## Масал дар бораи токдорони бадкор.

33 •Масали дигаре бишнавед. Соҳиби хонае буд, ки ток шинонд,
деворе гирдаш кашид, чархуште дар он сохт, бурҷе барпо кард ва
онро ба токдорон супурду ба сафар рафт+.
34 Чун мавсими мева расид, хизматгорони худро назди токдорон
фиристод, то ки меваи худро бигирад;
35 Лекин токдорон хизматгорони ӯро гирифта, баъзеро заданд,
баъзеро куштанд ва баъзеро сангборон карданд+.
36 Боз ӯ хизматгорони дигарро фиристод, ки аз пештара зиёдтар
буданд; ба онҳо низ ҳамон тавр амал карданд.
37 Дар охир писари худро назди онҳо фиристода, гуфт: „Аз
писарам шарм хоҳанд дошт“+.

38 Лекин токдорон чун писарро диданд, ба якдигар гуфтанд: „Ин
ворис аст; биёед, вайро бикушем ва соҳиби мерос шавем“+.
39 Ва ӯро гирифта, аз токзор берун баровარданд ва куштанд+.
40 Пас, чун соҳиби токзор ояд, ба он токдорон чӣ хоҳад кард?»
41 Ба Ӯ гуфтанд: «Он бадкоронро ба марги шадид маҳкум карда,
токзорро ба токдорони дигаре хоҳад супурд, ки меваро дар
мавсимаш ба ӯ диҳанд»+.
42 Исо ба онҳо гуфт: «Магар ин Навиштаро ҳаргиз нахондаед:
„Санге ки меъморон рад карданд,
санги сари гӯшаи бино гардид:
ин аз ҷониби Худованд шуд ва дар назари мо ҳайратангез аст“+?
43 Бинобар ин ба шумо мегӯям, ки Малакути Худо аз шумо
гирифта, ба халқе дода хоҳад шуд, ки меваи онро биёрад;
44 Ва ҳар кӣ бар ин санг афтад, пора-пора шавад; ва агар он бар
касе афтад, вайро мачақ кунад»+.
45 Саркоҳинон ва фарисиён масалҳои Ӯро шунида, донистанд, ки Ӯ
дар бораи онҳо сухан меронад,
46 Ва хостанд Ӯро дастгир кунанд; лекин аз мардум тарсиданд,
чунки Ӯро пайғамбар медонистанд+.

## Масал дар бораи тӯи арӯсӣ дар хонаи подшоҳ.

# 22

1 •Ва Исо суханашро бо масалҳо давом дода, ба онҳо гуфт:+
2 «Малакути Осмон монанди подшоҳест, ки барои писари худ
тӯи арӯсӣ барпо кард,+
3 Ва ғуломони худро фиристод, то ки даъватшудагонро ба тӯи
арӯсӣ бихонанд; лекин онҳо нахостанд биёянд.
4 Боз ғуломони дигарро фиристод ва гуфт: „Ба даъватшудагон
бигӯед, ки «инак, дастархони худро оростаам, говҳо ва бӯрдоқиҳои
ман сар бурида шудаанд, ва ҳама чиз тайёр аст; ба тӯи арӯсӣ биёед»".
5 Лекин онҳо беэътиноӣ карда, яке ба киштзори худ ва дигаре ба
тиҷоратхонаи худ рафтанд;
6 Ва баъзеи дигарон ғуломони ӯро гирифта, ҳақорат доданд ва
куштанд+.
7 Подшоҳ, чун шунид, хашмгин шуд ва аскарони худро фиристода,
он қотилонро маҳв намуд ва шаҳрашонро оташ дода сӯзонд+.
8 Он гоҳ ба ғуломони худ гуфт: „Тӯй тайёр аст, лекин
даъватшудагон сазовори он набуданд;+
9 Пас, ба сари гузар бароед ва ҳар киро биёбед, ба тӯи арӯсӣ даъват
кунед".
10 Ва ғуломон ба сари роҳ баромада, ҳар киро ёфтанд, хоҳ нек буд
хоҳ бад, ҷамъ карданд; ва тӯйхона аз меҳмонон пур шуд.
11 Подшоҳ барои дидани аҳли маҷлис даромада, шахсеро дид, ки
ҷомаи тӯёна дар бар надорад,
12 Ва ба вай гуфт: „Эй рафиқ, чӣ тавр ба ин ҷо даромадӣ, дар ҳолате
ки ҷомаи тӯёна дар бар надорӣ?" Лекин вай хомӯш монд.
13 Подшоҳ ба ходимони худ гуфт: „Дасту пои вайро баста, ба
зулмоти берун баровarда партоед: дар он ҷо гиря ва ғиҷирроси
дандон хоҳад буд"+.
14 Зеро ки даъватшудагон бисьёранд, аммо баргузидагон — кам».

## Ҷавоби Исо ба ҳиродиён.

15 •Он вақт фарисиён рафта, машварат карданд, ки чӣ тавр Ӯро аз
суханаш афтонанд+.

16 Ва шогирдони худро бо ҳиродиён назди Ӯ фиристода, гуфтанд:
«Эй Устод! Медонем, ки Ту ҳақгӯй ҳастӣ ва роҳи Худоро ба ростӣ
таълим медиҳӣ ва аз касе парвое надорӣ, зеро ҳеҷ рӯбинӣ
намекунӣ;+
17 Пас ба мо бигӯ, ки фикри Ту чист? Оё ба қайсар ҷизья додан ҷоиз
аст, ё не?»+
18 Аммо Исо макри онҳоро дарьёфта, гуфт: «Эй риёкорон, чаро
Маро меозмоед+?
19 Сиккаи ҷизьяро ба Ман нишон диҳед». Онҳо ба Ӯ диноре
оварданд.
20 Ба онҳо гуфт: «Ин сурат ва рақам аз они кист?»
21 Ба Ӯ гуфтанд: «Аз они қайсар». Ба онҳо гуфт: «Пас, он чи аз они
қайсар аст, ба қайсар диҳед, ва он чи аз они Худост — ба Худо»+.
22 Чун инро шуниданд, дар ҳайрат монданд ва Ӯро гузошта,
рафтанд.

## Дар бораи эҳьёи мурдагон.

23 •Ҳамон рӯз саддуқиён, ки мункири қиёмат ҳастанд, назди Ӯ
омада, пурсиданд:+
24 «Эй Устод! Мусо гуфтааст: „Агар касе бимирад ва фарзанде
надошта бошад, бояд бародараш зани вайро ба никоҳи худ дароварад
ва барои бародари худ насле ба вуҷуд оварад“+.
25 Назди мо ҳафт бародар буданд: яке зан гирифта, мурд ва чун
фарзанд надошт, занашро ба бародари худ гузошт;
26 Ҳамчунин дуюм ва сеюм, то ҳафтум;
27 Баъд аз ҳама зан низ мурд.
28 Пас, дар эҳьёи мурдагон вай зани кадоме аз он ҳафт нафар хоҳад
буд? Зеро ки ҳама вайро ба занӣ гирифта буданд».
29 Исо дар ҷавоби онҳо гуфт: «Шумо гумроҳ ҳастед, аз он рӯ ки на
Навиштаҳоро медонед, на қудрати Худоро;
30 Зеро ки дар эҳьёи мурдагон на зан мегиранд ва на ба шавҳар
мераванд, балки монанди фариштагони Худо дар осмон мебошанд.
31 Аммо дар бораи эҳьёи мурдагон оё каломеро, ки Худо ба шумо
гуфтааст, нахондаед:

32 „Манам Худои Иброҳим ва Худои Исҳоқ ва Худои Яъқуб“? Худо
на Худои мурдагон аст, балки Худои зиндагон»+.
33 Ва мардум шунида, аз таълими Ӯ дар ҳайрат монданд.

## Ҳукми муҳимтарин.

34 •Аммо чун фарисиён шуниданд, ки Ӯ даҳони саддуқиёнро
бастааст, бо ҳам ҷамъ омаданд.
35 Ва яке аз онҳо, ки шариатдон буд, Ӯро озмуданӣ шуда, чунин
савол дод:
36 «Эй Устод! Кадом ҳукм дар шариат бузургтар аст?»
37 Исо ба вай гуфт: «Худованд Худои худро бо тамоми дили ту ва
бо тамоми ҷони ту ва бо тамоми ҳуши ту дӯст бидор+.
38 Ҳамин аст ҳукми аввалин ва бузургтарин;
39 Ва дуюмаш монанди он аст: Ёри худро мисли худ дӯст бидор+.
40 Ба ин ду ҳукм тамоми Таврот ва суҳафи анбиё асос ёфтааст»+.

## Исо — писар ва Худованди Довуд.

41 •Ҳангоме ки фарисиён бо ҳам ҷамъ омаданд, Исо ба онҳо савол
дода,
42 Гуфт: «Дар бораи Масеҳ чӣ фикр доред? Ӯ писари кист?» Ба Ӯ
гуфтанд: «Писари Довуд»+.
43 Ба онҳо гуфт: «Пас чӣ тавр Довуд, аз рӯи илҳом, Ӯро Худованд
хонда, чунин мегӯяд:
44 „Худованд ба Худованди ман гуфт:
«Ба ямини Ман бинишин,
то душманони Туро зери пои Ту андозам»“+?
45 Модоме ки Довуд Ӯро Худованд мехонад, чӣ сон Ӯ писари вай
будааст?»
46 Ва ҳеҷ кас дар ҷавоби Ӯ сухане гуфта натавонист; ва пас аз он
рӯз касе ҷуръат накард, ки аз Ӯ чизе пурсад+.

## Риёкории китобдонон ва фарисиён.

23 1 •Он гоҳ Исо ба мардум ва ба шогирдони Худ хитоб кард
2 Ва гуфт: «Китобдонон ва фарисиён бар курсии Мусо нишастаанд;
3 Пас, он чи ба шумо гӯянд, ба ҷо оваред ва риоя кунед; лекин аз рӯи аъмоли онҳо рафтор накунед, зеро ки мегӯянд ва намекунанд;+
4 Борҳои гарон ва душворро баста, бар дӯши мардум мегузоранд, лекин худашон намехоҳанд онҳоро ҳатто бо як ангушт ҳаракат диҳанд;
5 Ҳамаи корҳои худро барои он мекунанд, ки ба мардум нишон диҳанд: дуо-қуттичаҳон* худро васеътар мекунанд ва пӯпакҳои ридоҳои* худро калонтар месозанд;+
6 Ва дӯст медоранд, ки дар зиёфатҳо болонишин бошанд ва дар курсиҳои аввали куништҳо ҷойгир шаванд,+
7 Ва дар кӯчаю бозорҳо мардум ба онҳо таъзим кунанд ва онҳоро „Устод! Устод!“ гӯянд.
8 Лекин шумо набояд устод хонда шавед, зеро ки устоди шумо якест, яъне Масеҳ аст, ва ҳамаи шумо бародаронед;+
9 Ва ҳеҷ касро бар замин падари худ нахонед, зеро ки Падари шумо якест, ки дар осмон аст;+
10 Ва набояд роҳнамо хонда шавед, зеро ки Роҳнамои шумо якест, яъне Масеҳ аст.
11 Бузургтарини шумо хизматгори шумо бошад:+
12 Зеро ҳар кӣ худро баланд кунад, паст гардад; ва ҳар кӣ худро фурӯтан созад, сарафроз гардад+.

## Исо ба китобдонон ва фарисиён «вой бар ҳоли шумо» мегӯяд.

13 Вой бар ҳоли шумо, эй китобдонон ва фарисиёни риёкор, ки Малакути Осмонро ба рӯи мардум мебандед; зеро ки худатон намедароед ва ба онҳое ки даромадан мехоҳанд, монеъ мешавед+.
14 Вой бар ҳоли шумо, эй китобдонон ва фарисиёни риёкор, ки хонаҳои бевазанонро фурӯ мебаред ва дуоро риёкорона тӯл медиҳед: ба ин сабаб сахттар маҳкум хоҳед шуд.

15 Вой бар ҳоли шумо, эй китобдонон ва фарисиёни риёкор, ки
баҳр ва хушкиро давр мезанед, то якеро ба дини худ гардонед; ва
ҳангоме ки ин ба шумо муяссар шавад, вайро ду баробар аз худатон
зиёдтар писари дӯзах месозед.
16 Вой бар ҳоли шумо, эй пешвоёни кӯр, ки мегӯед: „Ҳар кӣ ба
маъбад қасам хӯрад, ҳеҷ гап не; лекин ҳар кӣ ба тиллои маъбад
қасам хӯрад, ӯҳдадор хоҳад буд“+.
17 Эй аблаҳон ва кӯрон! Кадомаш афзал аст: тилло ё маъбад, ки
тиллоро тақдис мекунад+?
18 Ҳамчунин мегӯед: „Ҳар кӣ ба қурбонгоҳ қасам хӯрад, ҳеҷ гап не;
лекин хар кӣ ба қурбоние ки бар он аст, қасам хӯрад, ӯҳдадор хоҳад
буд“.
19 Эй аблаҳон ва кӯрон! Кадомаш афзал аст: қурбонӣ ё қурбонгоҳ,
ки қурбониро тақдис мекунад+?
20 Пас, ҳар кӣ ба қурбонгоҳ қасам хӯрад, ба он ва ба ҳар чи бар он
аст, қасам хӯрда бошад;
21 Ва ҳар кӣ ба маъбад қасам хӯрад, ба он ва ба Ӯ, ки сокини он аст,
қасам хӯрда бошад+.
22 Ва ҳар кӣ ба осмон қасам хӯрад, ба таҳти Худо ва ба Ӯ, ки бар он
нишастааст, қасам хӯрда бошад+.
23 Вой бар ҳоли шумо, эй китобдонон ва фарисиёни риёкор, ки аз
наъно, бодиён ва зира ушр медиҳед, лекин бузургтарин аҳкоми
шариат, яъне доварӣ, марҳамат ва имонро тарк кардаед; мебоист
онҳоро ба ҷо оварда, инҳоро низ тарк намекардед+.
24 Эй пешвоёни кӯр, ки пашшаро софӣ карда, шутурро фурӯ
мебаред!
25 Вой бар ҳоли шумо, эй китобдонон ва фарисиёни риёкор, ки
беруни пиёла ва табақро тоза мекунед, дар сурате ки даруни онҳо аз
duздӣ ва ифроткорӣ пур аст.
26 Эй фарисии кӯр! Аввал даруни пиёла ва табақро тоза кун, то ки
беруни он низ тоза бошад.
27 Вой бар ҳоли шумо, эй китобдонон ва фарисиёни риёкор, ки ба
қабрҳои сафед кардашуда монанд мебошед, ки аз берун зебо
менамоянд, лекин дарунашон аз устухонҳои мурдагон ва ҳар хел
наҷосат пур аст;+

28 Ҳамчунин шумо низ ба зоҳир ба назари мардум одил менамоед,
лекин дар ботин аз риёкорӣ ва шарорат пур ҳастед.
29 Вой бар ҳоли шумо, эй китобдонон ва фарисиёни риёкор, ки
мақбараҳои анбиёро бино мекунед ва биноҳои ёдгории одилонро
зинат медиҳед,
30 Ва мегӯед: „Агар дар замони падарони худ мебудем, дар
рехтани хуни анбиё бо онҳо шарик намешудем“+.
31 Ба ҳамин тариқ худатон бар зидди худ шаҳодат медиҳед, ки
фарзандони қотилони анбиё ҳастед;
32 Пас, шумо ҳам зарфи падарони худро лабрез кунед.
33 Эй морон ва афъизодагон! Аз маҳкумияти дӯзах чӣ тавр гурехта
метавонед+?
34 Бинобар ин, инак, Ман назди шумо анбиё ва хукамо ва
китобдононро мефиристам; ва шумо баъзеро хоҳед кушт ва маслуб
хоҳед кард, ва баъзеро дар куништҳои худ тозиёна зада, аз шаҳре ба
шаҳре хоҳед ронд;+
35 То тамоми хуни одилон, ки бар замин рехта шуд, бар сари шумо
фурӯд ояд, аз хуни Ҳобили одил то хуни Закарьё ибни Баракьё, ки
вайро шумо дар миёни маъбад ва қурбонгоҳ куштед+.
36 Ба ростӣ ба шумо мегӯям, ки ин ҳама бар сари ин насл хоҳад
омад.

## Маҳзунии Исо дар бораи Ерусалим.

37 •Эй Ерусалим, Ерусалим, ки анбиёро мекушӣ ва онҳоеро, ки
назди ту фиристода шудаанд, сангсор мекунӣ! Чанд бор хостам
фарзандони туро ҷамъ кунам, монанди мокиёне ки чӯҷаҳои худро
зери болаш ҷамъ мекунад, ва шумо нахостед!+
38 Инак, хонаи шумо ба шумо вайрон гузошта мешавад.
39 Зеро ба шумо мегӯям: аз ин пас Маро нахоҳед дид, то даме ки
бигӯед: „Муборак аст Он ки ба исми Худованд меояд!“»+

## Исо бар кӯҳи Зайтун.

**24** [1] •Ва Исо аз маъбад баромада, мерафт. Ва шогирдонаш назди
Ӯ омаданд, то ки иморатҳои маъбадро ба Ӯ нишон диҳанд.
[2] Исо дар ҷавоби онҳо гуфт: «Оё ҳамаи инҳоро мебинед? Ба ростӣ
ба шумо мегӯям: дар ин ҷо санге бар санге нахоҳад монд; ҳамааш
хароб хоҳад шуд»+.

## Аломоти омадани дуюми Худованд.

[3] Вақте ки Ӯ бар кӯҳи Зайтун нишаста буд, шогирдонаш ба танҳоӣ
назди Ӯ омада, пурсиданд: «Моро огоҳ кун, ки ин кай воқеъ мешавад?
Ва аломати омадани Ту ва охирзамон чӣ гуна аст?»
[4] Исо дар ҷавоби онҳо гуфт: «Ҳушьёр бошед, ки касе шуморо
гумроҳ накунад;+
[5] Зеро бисьёр касон бо номи Ман омада, гӯянд, ки „ман Масеҳ
ҳастам“, ва мардуми бисьёрро гумроҳ хоҳанд кард+.
[6] Ҷангҳо ва овозаи ҷангҳоро хоҳед шунид. Зинҳор, натарсед; зеро
ҳамаи ин бояд воқеъ шавад; лекин ин ҳанӯз интиҳо нест:+
[7] Зеро қавме бар зидди қавме ва салтанате бар зидди салтанате
қиём хоҳад кард, ва дар ҳар ҷо қаҳтиҳо, вабоҳо ва зилзилаҳо рӯй
хоҳад дод;+
[8] Аммо ҳамаи инҳо ибтидои дардҳост.
[9] Он гоҳ шуморо ба шиканҷаҳо таслим карда, хоҳанд кушт; ва
ҳамаи қавмҳо аз барои исми Ман ба шумо адоват хоҳанд дошт+.
[10] Дар он замон бисьёр касон ба васваса хоҳанд афтод; ва
якдигарро таслим хоҳанд кард ва аз якдигар нафрат хоҳанд дошт;+
[11] Ва басе анбиёи козиб ба майдон омада, мардуми бисьёрро
гумроҳ хоҳанд кард;+
[12] Ва ба сабаби афзудани шарорат, муҳаббати бисьёр касон сард
хоҳад шуд;
[13] Лекин ҳар кӣ то охир сабр кунад, наҷот хоҳад ёфт+.
[14] Ва ин Инҷили Малакут дар тамоми олам мавъиза хоҳад шуд, то
ки барои ҳамаи халқҳо шаҳодате шавад; ва он гоҳ интиҳо фаро хоҳад
расид+.

## Мусибати бузурги оянда.

15 •Пас, чун кароҳати харобиро, ки Дониёли набӣ ба забон
овардааст, дар ҷои муқаддас бар по бубинед, — ҳар кӣ хонад, дарк
кунад, —+
16 Он гоҳ онҳое ки дар Яҳудо мебошанд, ба кӯҳистон гурезанд;
17 Ва ҳар кӣ бар бом бошад, барои гирифтани чизе аз хонаи худ,
поён нафурояд;+
18 Ва он ки дар киштзор аст, барои гирифтани ҷомаи худ
барнагардад.
19 Лекин вой бар ҳоли ҳомиладорон ва ширдорон дар он айём!+
20 Дуо кунед, ки гурехтани шумо дар зимистон ва ё рӯзи шанбе
рӯй надиҳад;
21 Зеро дар он замон чунон мусибати бузурге хоҳад шуд, ки аз
ибтидои олам то ҳол нашудааст, ва бори дигар нахоҳад шуд+.
22 Ва агар он айём кӯтоҳ намешуд, ҳеҷ касе наҷот намеёфт; лекин
аз барои баргузидагон он айём кӯтоҳ хоҳад шуд+.
23 Дар он ҳангом агар касе ба шумо гӯяд: „Инак Масеҳ дар ин ҷост“
ё „дар он ҷост“, бовар накунед;+
24 Зеро ки масеҳони козиб ва анбиёи козиб ба майдон омада,
аломот ва мӯъҷизоти бузурге нишон хоҳанд дод, то ки, агар мумкин
бошад, баргузидагонро низ гумроҳ кунанд+.
25 Инак, Ман пешакӣ ба шумо гуфтам+.
26 Пас, агар ба шумо гӯянд: „Инак, дар биёбон аст“, — берун
наравед; „инак дар ҳуҷра аст“, — бовар накунед;

## Бо ҷалол омадани Исои Худованд.

27 Зеро, чӣ тавре ки барқ дар шарқ зоҳир шуда, дар ғарб ҳам
намудор мегардад, омадани Писари Одам низ чунин хоҳад шуд;+
28 Ҳар ҷо, ки лошае бошад, каргасон дар он ҷо ҷамъ шаванд+.
29 •Ва фавран, пас аз мусибати он айём, офтоб хира шавад, ва моҳ
рӯшноии худро надиҳад, ва ситорагон аз осмон фурӯ резанд, ва
қувваҳои афлок мутазалзил шаванд;+
30 Он гоҳ аломати Писари Одам дар осмон намудор хоҳад гардид;
ва он гоҳ ҳамаи қабилаҳои рӯи замин навҳа кунанд ва Писари
Одамро бинанд, ки бо қудрат ва ҷалоли азим бар абрҳо меоянд;+

31 Ва фариштагони Худро бо карнаи баландовоз хоҳад фиристод,
ва баргузидагони Ӯро аз чор ҷониб, аз як канори осмон то канори
дигараш фароҳам хоҳад овард+.

## Масал дар бораи дарахти анҷир.

32 •Акнун аз дараҳти анҷир мисол гиред: чун шохааш нарм шуда,
барг оварад, медонед, ки тобистон наздик аст;
33 Ҳамчунин шумо чун ҳамаи ин чизҳоро дидед, бидонед, ки
наздик аст, назди дар аст.
34 Ба ростӣ ба шумо мегӯям: ин насл ҳанӯз аз олам нагузашта,
ҳамаи ин чизҳо воқеъ хоҳад шуд+.
35 Осмон ва замин гузарон аст, лекин каломи Ман гузарон нест+.
36 •Аммо он рӯз ва соатро, ғайр аз Падари Ман, ҳеҷ кас, ҳатто
фариштагони осмон ҳам намедонанд;+
37 Чӣ тавре ки дар айёми Нӯҳ шуда буд, дар омадани Писари Одам
низ ҳамон тавр хоҳад шуд:+
38 Зеро, чӣ тавре ки дар айёми пеш аз тӯфон, то он рӯзе ки Нӯх ба
киштӣ даромад, мехӯрданд, менӯшиданд, зан мегирифтанд ва ба
шавҳар мерафтанд,
39 Ва чизе намефаҳмиданд, то даме ки тӯфон омада, ҳамаро несту
нобуд кард, — омадани Писари Одам низ ҳамон тавр хоҳад шуд;+
40 Он вақт аз ду нафаре ки дар киштзор ҳастанд, яке гирифта ва
дигаре гузошта хоҳад шуд;+
41 Ва аз ду зане ки бо дастос машғуланд, яке гирифта ва дигаре
гузошта хоҳад шуд.

## Дуруст интизор шудан ба омадани дуюм.

42 Пас, бедор бошед, зеро намедонед, ки Худованди шумо дар
кадом соат меояд+.
43 Лекин ҳаминро шумо медонед, ки агар соҳиби хона медонист,
ки дар кадом поси шаб дузд меояд, бедор монда, намегузошт, ки ба
хонааш нақб занад+.
44 Бинобар ин шумо низ тайёр бошед, зеро дар соате ки гумон
надоред, Писари Одам меояд+.

45 •Пас он ғуломи мӯътамад ва доно кист, ки оғояш вайро бар
хизматгорони худ таъин карда бошад, то ки ба онҳо дар сари вақт
хӯрок диҳад?
46 Хушо он ғуломе ки оғояш омада, вайро машғули ҳамин кор
ёбад;+
47 Ба ростӣ ба шумо мегӯям, ки вайро бар тамоми дороии худ
таъин хоҳад кард.
48 Лекин агар он ғулом бадкирдор бошад ва дар дили худ гӯяд, ки
„оғои ман ба зудӣ намеояд“,+
49 Ва ба задани ғуломони дигар шурӯъ кунад ва бо бадмастон ба
хӯрдан ва нӯшидан машғул шавад, —
50 Оғои он ғулом дар рӯзе ки вай мунтазир нест, ва дар соате ки
гумон надорад, хоҳад омад,
51 Ва ӯро ду пора карда, қисматашро бо риёкорон баробар хоҳад
кард: дар он ҷо гирья ва ғиҷирроси дандон хоҳад буд+.

## Масал дар бораи даҳ бокира.

25 [1] Дар он замон Малакути Осмон монанди даҳ бокирае хоҳад
буд, ки чароғҳои худро бардошта, ба пешвози домод берун
рафтанд;+
[2] Аз онҳо панҷ нафар доно ва панҷ нафар нодон буданд;
[3] Нодонон чароғҳои худро гирифтанд, вале бо худ равған
нагирифтанд;
[4] Лекин доноён бо чароғҳои худ дар зарфҳо низ равған гирифтанд;
[5] Чун домод дер монд, ҳама пинак рафта, хуфтанд+.
[6] Ва дар нисфи шаб овозе баланд шуд: „Инак, домод меояд, ба
пешвози вай берун оед“.
[7] Он гоҳ ҳамаи он бокираҳо бархоста, чароғҳои худро тайёр
карданд.
[8] Ва нодонон ба доноён гуфтанд: „Аз равғани худ ба мо диҳед, зеро
чароғҳои мо хомӯш мешавад“.
[9] Аммо доноён дар ҷавоб гуфтанд: „Не, мабодо барои мо ва шумо
камӣ кунад; беҳтар аст, ки шумо назди фурӯшандагон рафта, барои
худ бихаред“.
[10] Ва ҳангоме ки онҳо барои харидан рафтанд, домод омад, ва
онҳое ки тайёр буданд, бо вай ба тӯи арӯсӣ даромаданд, ва дар баста
шуд+.
[11] Баъд аз он, бокираҳои дигар низ омада, гуфтанд: „Эй оғо! Эй оғо!
Ба мо воз кун“+.
[12] Лекин вай дар ҷавоби онҳо гуфт: „Ба ростӣ ба шумо мегӯям:
шуморо намешиносам“+.
[13] Пас, бедор бошед, зеро намедонед, ки Писари Одам дар кадом
рӯз ва кадом соат меояд+.

## Масал дар бораи талантҳои амонатӣ.

[14] •Зеро монанди касест, ки ба сафари дур рафтанӣ шуда,
ғуломони худро талабид ва молу мулкашро ба онҳо супурд:
[15] Ба яке панҷ талант, ба дигаре ду, ба сеюмӣ як, яъне ба ҳар кадом
алоқадри ҳолаш дода, дарҳол ба сафар рафт.
[16] Он ки панҷ талант гирифта буд, рафта ба тиҷорат машғул шуд ва
панҷ таланти дигар фоида кард;

17 Ҳамчунин он ки ду талант гирифта буд, ду таланти дигар ба
даст овард;
18 Лекин он ки як талант гирифта буд, рафта заминро канд ва пули
оғои худро пинҳон кард.
19 Пас аз муддати дуру дарозе оғои он ғуломон омада, аз онҳо
ҳисобот талаб кард+.
20 Он ки панҷ талант гирифта буд, панҷ таланти дигарро ҳам
оварда, гуфт: „Эй оғо! Ту ба ман панҷ талант дода будӣ; инак, бо онҳо
панҷ таланти дигар ба даст овардам“.
21 Оғояш ба вай гуфт: „Офарин, эй ғуломи нек ва мӯътамад! Ту дар
чизи андак мӯътамад будӣ, туро бар чизҳои бисьёр бигуморам; ба
шодии оғои худ шарик шав“+.
22 Ҳамчунин он ки ду талант гирифта буд, назди вай омада, гуфт:
„Эй оғо! Ту ба ман ду талант дода будӣ; инак, бо онҳо ду таланти
дигар ба даст овардам“.
23 Оғояш ба вай гуфт: „Офарин, эй ғуломи нек ва мӯътамад! Ту дар
чизи андак мӯътамад будӣ, туро бар чизҳои бисьёр бигуморам; ба
шодии оғои худ шарик шав“.
24 Пас он ки як талант гирифта буд, назди вай омада, гуфт: „Эй оғо!
Чун медонистам, ки ту марди сахтгире ҳастӣ, аз ҷое ки накоштаӣ,
медаравӣ, ва аз ҷое ки напошидаӣ, ҷамъ мекунӣ;
25 Бинобар ин тарсидам ва рафта таланти худро дар замин пинҳон
кардам; инак, моли ту ин ҷост“.
26 Оғояш дар ҷавоби вай гуфт: „Эй ғуломи шарир ва танбал! Ту
медонистӣ, ки ман аз ҷое ки накоштаам, медаравам, ва аз ҷое ки
напошидаам, ҷамъ мекунам;+
27 Аз ин рӯ ту мебоист пули маро ба саррофон медодӣ, ва ман
омада, пули худро бо фоидааш мегирифтам;
28 Пас он талантро аз вай гирифта, ба касе ки даҳ талант дорад,
бидиҳед.
29 Зеро ҳар кӣ дорад, ба вай дода ва афзуда шавад; лекин ҳар кӣ
надорад, аз вай он чи низ дорад, гирифта шавад;+
30 Ва он ғуломи нобакорро ба зулмоти берун бароварда партоед:
дар он ҷо гирья ва ғиҷирроси дандон хоҳад буд“+.

## Доварии Исои Худованд бар халқҳо.

31 Лекин вақте ки Писари Одам дар ҷалоли Худ бо ҳамаи
фариштагони муқаддас меояд, он гоҳ бар тахти ҷалоли Худ хоҳад
нишаст,+
32 Ва ҳамаи халқҳо дар назди Ӯ ҷамъ хоҳанд шуд; ва онҳоро аз
якдигар ҷудо хоҳад кард, мисли чӯпоне ки гӯсфандонро аз бузҳо
ҷудо мекунад;+
33 Ва гӯсфандонро ба тарафи рост ва бузҳоро ба тарафи чапи Худ
ҷой хоҳад дод.
34 Он гоҳ Подшоҳ ба онҳое ки ба тарафи рости Ӯ ҳастанд, хоҳад
гуфт: „Биёед, эй баракатьёфтагон аз Падари Ман, Малакутеро, ки аз
ибтидои офариниши олам барои шумо муҳайё шудааст, мерос
бигиред:+
35 Зеро ки гурусна будам, ба Ман хӯрок додед; ташна будам, ба Ман
об додед; ғариб будам, Маро пазируфтед;+
36 Бараҳна будам, Маро пӯшондед; бемор будам, Маро иёдат
кардед; дар зиндон будам, ба дидани Ман омадед“+.
37 Он гоҳ одилон дар ҷавоб хоҳанд гуфт: „Худовандо! Кай Туро
гурусна дидему хӯрок додем? Ё ташна дидему об додем?
38 Кай Туро ғариб дидему пазируфтем? Ё бараҳна дидему
пӯшондем?
39 Кай Туро бемор ё маҳбус дидему ба дидани Ту омадем?“
40 Ва Подшоҳ дар ҷавоби онҳо хоҳад гуфт: „Ба ростӣ ба шумо
мегӯям: он чи ба яке аз ин бародарони хурдтарини Ман кардаед, ба
Ман кардаед“+.
41 Он гоҳ ба онҳое ки ба тарафи чапи Ӯ ҳастанд, хоҳад гуфт: „Эй
малъунон, аз Ман дур шавед ва ба оташи ҷовидоние ки барои иблис
ва фариштагони вай муҳайё шудааст, биравед:+
42 Зеро ки гурусна будам, ба Ман хӯрок надодед; ташна будам, ба
Ман об надодед;
43 Ғариб будам, Маро напазируфтед; бараҳна будам, Маро
напӯшондед; бемор ва маҳбус будам, ба иёдати Ман наомадед“.
44 Онҳо низ дар ҷавоби Ӯ хоҳанд гуфт: „Худовандо! Кай Туро
гурусна, ё ташна, ё ғариб, ё бараҳна, ё бемор, ё маҳбус дидему ба Ту
хизмат накардем?“

45 Он гоҳ дар ҷавоби онҳо хоҳад гуфт: „Ба ростӣ ба шумо мегӯям:
он чи шумо ба яке аз ин хурдтаринҳо накардаед, ба Ман накардаед“+.
46 Ва онҳо ба азоби ҷовидонӣ хоҳанд рафт, вале одилон — ба ҳаёти
ҷовидонӣ»+.

## Қарори ҳукуматдорони яҳудӣ, ки Исоро бикушанд.

26 [1] •Чун Исо ҳамаи ин суханонро ба поён расонд, ба
шогирдони Худ гуфт:
[2] «Шумо медонед, ки пас аз ду рӯз иди фисҳ аст, ва Писари Одам
таслим карда хоҳад шуд, то ки маслуб гардад»+.
[3] Он гоҳ саркоҳинон ва китобдонон ва пирони қавм дар ҳавлии
саркоҳин, ки Қаёфо ном дошт, ҷамъ омаданд,
[4] Ва машварат карданд, ки Исоро бо ҳила дастгир карда, ба қатл
расонанд;
[5] Лекин мегуфтанд: «На дар ид, мабодо дар байни мардум ошӯбе
рӯй диҳад».

## Марьями сокини Байт-Ҳинӣ бар Исо равғани атрафшон мерезад.

[6] •Ва ҳангоме ки Исо дар Байт-Ҳинӣ дар хонаи Шимъӯни махавӣ
буд,+
[7] Зане бо зарфи гаҷини равғани атрафшони гаронбаҳо назди Ӯ
омад ва дар ҳолате ки Ӯ дар сари суфра нишаста буд, бар сари Ӯ рехт.
[8] Ва шогирдонаш, чун инро диданд, норозӣ шуда, гуфтанд: «Ин
исрофкорӣ барои чист?
[9] Зеро ки равғани атрафшонро ба қимати гарон фурӯхта, ба
мискинон додан мумкин буд».
[10] Лекин Исо инро дарьёфта, ба онҳо гуфт: «Чаро занро хиҷил
мекунед? Вай барои Ман коре некӯ кард;
[11] Зеро мискинон ҳар вақт дар назди шумо ҳастанд, лекин Ман
ҳамеша бо шумо нестам;+
[12] Вай ин равғани атрафшонро бар Бадани Ман рехта, Маро барои
дафн тайёр кард;+
[13] Ба ростӣ ба шумо мегӯям: дар тамоми ҷаҳон ҳар ҷо, ки Инҷил
мавъиза шавад, кори вай низ барои ёдоварии вай зикр хоҳад ёфт»+.

## Яҳудои Исқарьют Худовандро таслим мекунад.

[14] •Он гоҳ яке аз он дувоздаҳ, ки Яҳудои Исқарьют ном дошт, пеши
саркоҳинон рафт+

15 Ва гуфт: «Ба ман чӣ хоҳед дод, то ки Ӯро ба шумо таслим
кунам?» Онҳо ба вай сӣ сиккаи нуқра таклиф карданд;+
16 Ва аз он дам вай фурсат меҷуст, ки Ӯро таслим кунад.

## Омода кардани фисҳ.

17 •Дар рӯзи аввали иди фатир шогирдон назди Исо омада,
гуфтанд: «Куҷо мехоҳӣ фисҳро барои хӯрдани Ту тайёр кунем?»
18 Гуфт: «Ба шаҳр назди фалонӣ биравед ва бигӯед: „Устод мегӯяд:
вақти Ман наздик аст, ва фисҳро бо шогирдони Худ дар хонаи ту
мегузаронам“».
19 Ва шогирдон он чи Исо фармуда буд, ба ҷо оварданд, ва фисҳро
омода карданд.

## Таоми шоми охирин.

20 Бегоҳи рӯз Ӯ бо он дувоздаҳ дар сари суфра нишаст;
21 Ва ҳангоме ки таом мехӯрданд, гуфт: «Ба ростӣ ба шумо мегӯям,
ки яке аз шумоён Маро таслим ҳоҳад кард»+.
22 Онҳо бисьёр ғамгин шуданд ва паси ҳамдигар ба Ӯ мегуфтанд:
«Худовандо, оё он манам?»
23 Ӯ дар ҷавоб гуфт: «Он ки бо Ман даст дар табақ меандозад,
ҳамон кас Маро таслим хоҳад кард;
24 Агарчи Писари Одамончунон, ки дар бораи Ӯ навишта шудааст,
меравад, лекин вой бар ҳоли он касе ки Писари Одам ба воситаи вай
таслим карда шавад: барои вай беҳтар мебуд, ки таваллуд
намеёфт»+.
25 Дар ҷавоб Яҳудо, ки таслимкунандаи Ӯ буд, гуфт: «Эй ӯстодам,
оё он манам?» Ба вай гуфт: «Ту гуфтӣ».

## Муқаррар кардани Таоми шоми Худованд.

26 •Ва ҳангоме ки онҳо таом мехӯрданд, Исо нонро гирифта,
баракат дод ва пора карда, ба шогирдон доду гуфт: «Бигиред ва
бихӯред, ки ин Бадани Ман аст»+.
27 Ва косаро гирифта, шукргузорӣ намуд ва ба онҳо дода, гуфт:
«Ҳама аз ин бинӯшед;
28 Зеро ин аст Хуни Ман аз аҳди ҷадид, ки барои бисьёр касон аз
баҳри омурзиши гуноҳҳо рехта мешавад+.

29 Аммо ба шумо мегӯям, ки минбаъд аз ин шираи ангур нахоҳам
нӯшид, то ҳамон рӯзе ки дар Малакути Падари Худ онро бо шумо
тоза бинӯшам».

## Исо инкори Петрусро пешгӯӣ мекунад.

30 Ва ҳамду сано хонда, ба сӯи кӯҳи Зайтун равона шуданд+.

31 •Он гоҳ Исо ба онҳо гуфт: «Ҳамаи шумо имшаб дар ҳаққи Ман ба
васваса хоҳед афтод, зеро навишта шудааст: „Чӯпонро мезанам, ва
гӯсфандони рама пароканда хоҳанд шуд“+.
32 Аммо пас аз эҳъё шуданам, пеш аз шумо ба Ҷалил хоҳам рафт»+.
33 Петрус дар ҷавоби Ӯ гуфт: «Агар ҳама дар ҳаққи Ту ба васваса
афтанд ҳам, ман ҳаргиз намеафтам».
34 Исо ба вай гуфт: «Ба ростӣ ба ту мегӯям, ки дар ҳамин шаб, пеш
аз он ки хурӯс бонг занад, Маро се бор инкор хоҳӣ кард».
35 Петрус ба Ӯ гуфт: «Ҳатто агар бо Ту мурданам лозим ояд, Туро
инкор намекунам». Ҳамаи шогирдон низ ҳамчунин гуфтанд+.

## Маҳзунии Исо дар Ҷатсамонӣ.

36 •Баъд аз ин Исо бо онҳо ба мавзее ки Ҷатсамонӣ ном дошт, омад
ва ба шогирдонаш гуфт: «Дар ин ҷо бинишинед, то дар он ҷо дуо
гӯям».
37 Ва Петрус ва ҳар ду писари Забдойро бо Худ бурд; ва хеле
маҳзун ва дилтанг шуд+.
38 Ва ба онҳо гуфт: «Ҷони Ман то ба дараҷаи марговар маҳзун
шудааст; дар ин ҷо бимонед ва бо Ман бедор бошед»+.

## Дуои якум.

39 Ва каме пештар рафта, рӯ ба замин афтод ва дуо карда, гуфт: «Эй
Падари Ман! Агар мумкин бошад, ин коса аз Ман бигзарад; лекин на
бо хоҳиши Ман, балки бо иродаи Ту»+.
40 Ва назди шогирдонаш омада, онҳоро хуфта ёфт, ва ба Петрус
гуфт: «Оё натавонистед соате бо Ман бедор бошед?
41 Бедор бошед ва дуо гӯед, то ба озмоиш дучор нашавед: рӯҳ
бардам аст, лекин ҷисм нотавон»+.

## Дуои дуюм.

42 Бори дигар рафта, боз дуо кард ва гуфт: «Эй Падари Ман! Агар
мумкин набошад, ки ин коса, бе он ки онро бинӯшам, аз Ман
бигзарад, пас он чи иродаи Туст, бишавад»+.
43 Ва омада, боз онҳоро хуфта ёфт, зеро чашмонашон хоболуд буд.

## Дуои сеюм.

44 Ва онҳоро гузошта, боз рафт ва бори сеюм бо ҳамон суханон дуо
гуфт.
45 Он гоҳ назди шогирдонаш омада, ба онҳо гуфт: «Шумо ҳанӯз
мехобед ва истироҳат мекунед? Инак, соат расидааст, ва Писари
Одам ба дасти гуноҳкорон таслим карда мешавад;+
46 Бархезед, биравем: инак, он ки Моро таслим мекунад, наздик
омад».

## Таслим кардани Яҳудо ва ҳабс шудани Исо.

47 •Ва ҳанӯз ки Ӯ сухан мегуфт, инак, Яҳудо, ки яке аз он дувоздаҳ
буд, ва бо вай мардуми бисьёре аз ҷониби саркоҳинон ва пирони
қавм бо шамшеру таёқҳо омаданд+.
48 Таслимкунандаи Ӯ ишорате ба онҳо дода, гуфта буд: «Ҳар киро
бибӯсам, Ӯ Ҳамон аст, Ӯро дастгир кунед».
49 Ва дарҳол назди Исо омада, гуфт: «Ассалом, эй Устод!» Ва Ӯро
бӯсид.
50 Лекин Исо ба вай гуфт: «Эй рафиқ, барои чӣ омадӣ?» Ва онҳо
наздик омада, дастҳои худро бар Исо андохтанд, ва Ӯро гирифтанд.
51 Ва ногоҳ яке аз ҳамроҳони Исо даст оварда, шамшери худро аз
ғилоф кашид ва ба ғуломи саркоҳин зада, гӯши вайро бурида
партофт+.
52 Исо ба вай гуфт: «Шамшери худро ғилоф кун, зеро ҳар кӣ
шамшер кашад, ба шамшер кушта шавад;+
53 Ё гумон мекунӣ, ки алҳол наметавонам аз Падари Худ хоҳиш
намоям, ки барои Ман зиёда аз дувоздаҳ фавҷ фариштагонро равона
кунад?
54 Лекин дар он сурат Навиштаҳо чӣ гуна ба амал меояд, ки ҳамин
тавр бояд бишавад?»
55 Дар ҳамон соат Исо ба мардум гуфт: «Гӯё бар зидди роҳзане
шумо бо шамшеру таёқҳо берун омадаед, то Маро дастгир кунед; ҳар
рӯз Ман назди шумо дар маъбад нишаста, таълим медодам, ва шумо
Маро дастгир накардед+.
56 Лекин ин ҳама шуд, то ки навиштаҳои анбиё ба амал ояд». Он
гоҳ ҳамаи шогирдон Ӯро вогузошта, гурехтанд+.

## Исо ба ҳузури Қаёфо ва пирон.

57 •Ва онҳое ки Исоро дастгир карданд, Ӯро назди саркоҳин Қаёфо
оварданд, ки дар он ҷо китобдонон ва пирон ҷамъ омада буданд.
58 Лекин Петрус аз дур, то ҳавлии саркоҳин, аз паи Ӯ равона шуд;
ва ба даруни он даромада, бо хизматгорон нишаст, то ки анҷоми
корро бубинад.
59 Саркоҳинон ва тамоми шӯрои пирон дар ҷустуҷӯи шаҳодати
бардурӯғе бар зидди Исо буданд, то Ӯро ба қатл расонанд,

[60] Лекин наёфтанд; бо вуҷуди он ки бисьёр шоҳидони козиб омада буданд, ҳеҷ наёфтанд. Ниҳоят, ду шоҳиди козиб омада,+
[61] Гуфтанд: «Ӯ мегуфт: „Метавонам маъбади Худоро вайрон кунам ва дар зарфи се рӯз онро аз нав бино кунам“»+.
[62] Ва саркоҳин бархоста, ба Ӯ гуфт: «Ҳеҷ ҷавоб намедиҳӣ? Ин чист, ки инҳо бар зидди Ту шаҳодат медиҳанд?»+
[63] Аммо Исо хомӯш монд. Ва саркоҳин ба Ӯ гуфт: «Туро ба Худои Ҳай қасам медиҳам, ба мо бигӯ, ки оё Ту Масеҳ, Писари Худо ҳастӣ?»+
[64] Исо ба вай гуфт: «Ту гуфтӣ; аммо Ман ба шумо мегӯям: пас аз ин Писари Одамро хоҳед дид, ки ба ямини Қудрат нишаста, бар абрҳои осмон меояд»+.
[65] Он гоҳ саркоҳин ҷомаи худро дарронда, гуфт: «Ӯ куфр гуфт! Дигар ба шоҳидон чӣ ҳоҷат дорем? Инак, акнун шумо куфри Ӯро шунидед!+
[66] Чӣ мулоҳиза доред?» Дар ҷавоб гуфтанд: «Сазовори марг аст»+.
[67] Он гоҳ ба сару рӯи Ӯ туф кардан гирифтанд, ва Ӯро мезаданд; баъзеҳо Ӯро торсакӣ мезаданд+
[68] Ва мегуфтанд: «Эй Масеҳ, ба мо нубувват кун, ки Туро кӣ задааст?»

## Инкор кардани Петрус.

[69] •Аммо Петрус дар берун, дар рӯи ҳавлӣ нишаста буд. Ва канизе назди вай омада, гуфт: «Ту низ бо Исои Ҷалилӣ будӣ».
[70] Лекин вай дар назди ҳама инкор карда, гуфт: «Намедонам, ки ту чӣ мегӯӣ».
[71] Вақте ки аз дарвоза берун мерафт, канизи дигаре вайро дида, ба онҳое ки дар он ҷо буданд, гуфт: «Ин ҳам бо Исои Носирӣ буд».
[72] Вай бори дигар инкор карда, қасам хӯрд, ки Он Одамро намешиносад.
[73] Пас аз муддате ҳозирон наздик омада, ба Петрус гуфтанд: «Дар ҳақиқат ту низ яке аз онҳо мебошӣ, зеро ки лаҳҷаи ту ба ин шаҳодат медиҳад».
[74] Он гоҳ вай ба савганду қасам хӯрдан оғоз намуда, гуфт: «Он Одамро намешиносам». Ва дарҳол хурӯс бонг зад.

75 Ва Петрус сухани Исоро ба ёд овард, ки ба вай гуфта буд: «Пеш аз он ки хурӯс бонг занад, Маро се бор инкор хоҳӣ кард». Ва берун рафта, зор-зор гирист+.

## Пирони яҳудӣ Исоро назди Пилотус мебаранд.

27 [1] •Чун бомдод расид, ҳамаи саркоҳинон ва пирони қавм дар
борои Исо машварат карданд, ки Ӯро ба қатл расонанд;
[2] Ва Ӯро баста бурданду ба ҳоким Понтиюс Пилотус таслим
карданд+.

## Пушаймонии бесамари Яҳудо.

[3] •Таслимкунандаи Ӯ, Яҳудо, чун дид, ки Ӯро маҳкум карданд,
пушаймон шуд ва сӣ сиккаи нуқраро ба саркоҳинон ва пирон
гардонда дод,
[4] Ва гуфт: «Ман гуноҳ кардам, ки Хуни бегуноҳро таслим кардам».
Онҳо ба вай гуфтанд: «Ба мо чӣ? Худат медонӣ».
[5] Ва сиккаҳои нуқраро вай дар маъбад партофта, баромада рафт ва
худро буғӣ карда кушт+.
[6] Лекин саркоҳинон сиккаҳои нуқраро гирифта, гуфтанд: «Инро ба
ганҷинаи маъбад андохтан ҷоиз нест, чунки ин хунбаҳост»+.
[7] Ва машварат карда, ба ин пул киштзори кулолгарро барои
қабристони ғарибон харида гирифтанд;
[8] Ба ин сабаб он киштзор то имрӯз «Мазрааи хун» номида
мешавад.
[9] Он гоҳ каломе ки бо забони Ирмиёи набӣ гуфта шудааст, ба амал
омад: «Онҳо сӣ сиккаи нуқраро гирифтанд, яъне баҳои Он
Баҳомондашудае ки банӣ-Исроил ба Ӯ таъин карда буданд+.
[10] Ва онро барои киштзори кулолгар доданд, чунон ки Худованд ба
ман гуфт»+.

## Пилотус Исоро тергав мекунад.

[11] •Аммо Исо дар назди ҳоким истода буд. Ва ҳоким аз Ӯ пурсид:
«Оё Ту Подшоҳи Яҳудиён ҳастӣ?» Исо ба вай гуфт: «Ту мегӯӣ»+.
[12] Вақте ки саркоҳинон ва пирон Ӯро айбдор мекарданд, Ӯ ҳеҷ
ҷавоб намедод.
[13] Он гоҳ Пилотус ба Ӯ гуфт: «Оё намешунавӣ, чӣ қадар бар зидди
Ту шаҳодат медиҳанд?»+

14 Лекин дар ҷавоби вай як сухан ҳам нагуфт, ба тавре ки ҳоким
бисьёр дар ҳайрат монд.

## Исо ё Бараббос?

15 •Ҳоким одат дошт, ки дар ҳар ид як бандиро, ки мехостанд,
барои мардум озод мекард.
16 Дар он вақт дар он ҷо бандии шӯҳратноке буд, ки Бараббос ном
дошт.
17 Пас, вақте ки онҳо ҷамъ шуданд, Пилотус ба онҳо гуфт: «Киро
мехоҳед, ки барои шумо озод кунам: Бараббосро, ё Исоро, ки Масеҳ
меноманд?»
18 Зеро медонист, ки Ӯро аз рӯи ҳасад таслим карда буданд+.
19 Вақте ки вай бар курсии доварӣ нишаста буд, занаш кас
фиристода, гуфт: «Бо Он Одил туро коре набошад, чунки имрӯз дар
хоб аз боиси Ӯ заҳмати бисьёр кашидам».
20 Лекин саркоҳинон ва пирон мардумро барангехта буданд, ки
озодии Бараббос ва қатли Исоро талаб кунанд+.
21 Пас ҳоким ба онҳо рӯ оварда, гуфт: «Аз ин ду кадомашро
мехоҳед, ки барои шумо озод кунам?» Онҳо гуфтанд: «Бараббосро».
22 Пилотус ба онҳо гуфт: «Пас Исоро, ки Масеҳ меноманд, чӣ
кунам?» Ҳама гуфтанд: «Ӯро маслуб кун!»
23 Ҳоким гуфт: «Ӯ чӣ бадӣ кардааст?» Лекин онҳо боз ҳам зиёдтар
фарьёд заданд: «Ӯро маслуб кун!»+
24 Пилотус чун дид, ки ҳеҷ гап фоида надорад, балки ошӯб бештар
мегардад, об талабида, дасти худро дар назди мардум шуст ва гуфт:
«Ман аз хуни Ин Одил барӣ ҳастам; шумо бидонед»+.
25 Тамоми қавм дар ҷавоб гуфтанд: «Хуни Ӯ бар гардани мо ва
фарзандони мо бошад»+.
26 Пас Бараббосро барои онҳо озод кард, ва Исоро тозиёна зада,
барои маслуб кардан таслим кард+.

## Таҳқир ва тамасхур кардани Исо.

27 •Он гоҳ сарбозони ҳоким Исоро ба сарбозхона бурда, тамоми
фавҷро гирди Ӯ ҷамъ оварданд,
28 Ва либоси Ӯро кашида, ҷомаи арғувон ба Ӯ пӯшонданд;
29 Ва тоҷе аз хор бофта, бар сараш ниҳоданд ва қамише ба дасти
рости Ӯ доданд; ва назди Ӯ зону зада, масхаракунон гуфтанд: «Салом,
эй Подшоҳи Яҳудиён!»
30 Ва бар Ӯ туф карданд ва қамишро гирифта, бар сараш заданд+.
31 Пас аз он ки Ӯро басе истеҳзо карданд, ҷомаи арғувонро аз
танаш кашида, либоси Худашро пӯшонданд ва Ӯро берун бурданд, то
ки маслуб кунанд.

32 •Чун берун рафтанд, касеро, ки Шимъӯн ном дошт ва аз Қурин
буд, дида, маҷбур карданд, ки салиби Ӯро бардорад.

## Маслуб кардани Исо.

33 Ва чун ба ҷое ки Ҷолҷолто, яъне «Ҷои косахонаи сар» ном дошт,
расиданд,
34 Сиркои бо заҳра омехтае барои нӯшиданаш доданд, лекин чун
чашид, нахост, ки бинӯшад+.

## Таврот дар Исо ба амал омад.

35 Ононе ки Ӯро маслуб карданд, либоси Ӯро қуръа партофта
тақсим карданд, то ба амал ояд каломе ки бо забони набӣ гуфта
шудааст: «Сару либоси Маро дар миёни худ тақсим карданд ва бар
пероҳани Ман қуръа партофтанд»+.
36 Ва дар он ҷо нишаста, Ӯро посбонӣ карданд.
37 Ва айбномае навишта, болои сари Ӯ овехтанд, ки чунин буд: «Ин
аст Исо, Подшоҳи Яҳудиён».
38 Бо Ӯ ду роҳзанро: яке аз дасти росташ ва дигаре аз дасти чапаш,
маслуб карданд.
39 Ва роҳгузарон Ӯро дашном дода ва сар ҷунбонда,+
40 Мегуфтанд: «Эй! Ту ки маъбадро вайрон карда, дар се рӯз аз нав
бино мекунӣ! Худатро наҷот деҳ; агар Ту Писари Худо бошӣ, аз салиб
фурӯд ой»+.

41 Ҳамчунин саркоҳинон бо китобдонон ва пирон Ӯро истеҳзо
карда, мегуфтанд:
42 «Дигаронро наҷот медод, лекин Худашро наҷот дода
наметавонад! Агар Ӯ Подшоҳи Исроил бошад, акнун аз салиб фурӯд
ояд, то ба Ӯ имон оварем;+
43 Ба Худо таваккал карда буд: акнун Ӯро раҳо кунад, агар
дилхоҳаш бошад. Зеро Ӯ гуфта буд: „Ман Писари Худо ҳастам“».
44 Ҳамчунин роҳзаноне ки бо Ӯ маслуб шуда буданд, Ӯро дашном
медоданд.

## Мамоти Исо.

45 •Ва аз соати шашум тамоми рӯи заминро то соати нӯҳум
торикӣ фаро гирифт.
46 Ва наздик ба соати нӯҳум Исо бо овози баланд фарьёд зада гуфт:
«Элӣ, Элӣ! Ламма сабақтанӣ?» Яъне: «Худои Ман, Худои Ман! Чаро
Маро тарк кардаӣ?»+
47 Баъзе аз ҳозирон, чун шуниданд, гуфтанд: «Ӯ Ильёсро мехонад».
48 Дарҳол яке аз онҳо исфанҷеро гирифта, аз сирко пур кард ва бар
сари най ниҳода, наздики даҳони Ӯ бурд, то бинӯшад+.
49 Лекин дигарон гуфтанд: «Биистед, бубинем, ки оё Ильёс меояд,
то ки Ӯро наҷот диҳад».
50 Исо боз бо овози баланде фарьёд зада, ҷон дод.

## Замони Таврот тамом мешавад.

51 Ва инак, пардаи маъбад аз боло то поён дарида, ду пора шуд: ва
замин ҷунбид; ва сангҳо шикофта шуд;+
52 Ва қабрҳо кушода шуд; ва бисьёр ҷасадҳои муқаддасон, ки
оромида буданд, эҳьё шуданд,+
53 Ва баъд аз эҳьёи Ӯ аз қабрҳо баромада, ба шаҳри муқаддас
рафтанд ва ба бисьёр касон зоҳир шуданд+.
54 Аммо мирисад ва онҳое ки бо вай Исоро посбонӣ мекарданд,
ҷунбиши замин ва рӯйдодҳои дигарро дида, бағоят тарсиданд ва
гуфтанд: «Ба ростӣ Ӯ Писари Худо буд».
55 Ҳамчунин занони бисьёре ки аз Ҷалил аз ақиби Исо омада
буданд, ва ба Ӯ хизмат мекарданд, дар он ҷо истода, аз дур
менигаристанд;

56 Дар миёни онҳо Марьями Маҷдалия ва Марьяме ки модари
Яъқуб ва Йӯсе буд, ва модари писарони Забдой низ буданд+.

## Дафни Исо.

57 •Ва чун шом шуд, Юсуф ном давлатманде ки аз аҳли Ҳаромот ва
ӯ низ аз шогирдони Исо буд, омад;
58 Ва назди Пилотус рафта, ҷасади Исоро талаб кард. Пилотус
фармон дод, ки дода шавад.
59 Юсуф ҷасадро гирифта, ба катони тозае печонд
60 Ва онро дар қабри наве ки аз санг барои худ тарошида буд,
ниҳод ва санги калонеро бар дари қабр ғелонида, рафт+.
61 Марьями Маҷдалия ва он Марьями дигар дар он ҷо, дар рӯ ба
рӯи қабр нишаста буданд.

## Посбонӣ кардани қабр.

62 Фардои он, ки пас аз рӯзи ҷумъа буд, саркоҳинон ва фарисиён
назди Пилотус ҷамъ омаданд
63 Ва гуфтанд: «Эй оғо! Дар хотир дорем, ки он фиребгар, вақте ки
зинда буд, гуфта буд, ки „пас аз се рӯз эҳьё хоҳам шуд“;+
64 Пас бифармо, ки қабрро то рӯзи сеюм посбонӣ кунанд, то
шогирдонаш шабона Ӯро дуздида, ба қавм нагӯянд, ки аз мурдагон
эҳьё шуд; ва фиреби охирин аз аввалин бадтар шавад».
65 Пилотус ба онҳо гуфт: «Шумо посбонҳо доред; биравед ва, чунон
ки медонед, посбонӣ кунед».
66 Онҳо рафта, дар назди қабр посбононро гузоштанд ва санги онро
мӯҳр карданд+.

## Эҳёи Исои Масеҳ ва воқеаҳои ин рӯз.

# 28

1 •Баъд аз гузаштани шанбе, субҳидами рӯзи якшанбе,
Марьями Маҷдалия ва он Марьями дигар барои дидани қабр
омаданд+.
2 Ногоҳ зилзилаи сахт рӯй дод; зеро фариштаи Худованд аз осмон
фуромада, сангро аз дари қабр ғелонид ва бар он биншаст;+
3 Намуди вай монанди барқ ва либосаш чун барф сафед буд+.
4 Посбонон аз вай тарсида, ба ларза афтоданд ва мисли мурда
шуданд+.
5 Аммо фаришта ба занон рӯ оварда, гуфт: «Натарсед, зеро
медонам, ки Исои маслубро ҷустуҷӯ мекунед;
6 Ӯ дар ин ҷо нест, зеро, чунон ки гуфта буд, эҳьё шуд; биёед,
ҷоеро, ки Ӯ хуфта буд, бубинед,
7 Ва ба зудӣ рафта, ба шогирдонаш гӯед, ки Ӯ аз мурдагон эҳьё шуд
ва пеш аз шумо ба Ҷалил меравад: дар он ҷо Ӯро хоҳед дид; инак ба
шумо гуфтам»+.
8 Ва онҳо шитобон аз қабр баромада, бо тарс ва шодии азим давида
рафтанд, то ки ба шогирдони Ӯ хабар диҳанд.
9 Вақте ки барои огоҳ кардани шогирдони Ӯ мерафтанд, инак Исо
ба онҳо вохӯрда, гуфт: «Салом бар шумо!» Онҳо наздик омада, ба
пойҳояш часпиданд ва ба Ӯ саҷда карданд+.
10 Он гоҳ Исо ба онҳо гуфт: «Натарсед; рафта, ба бародаронам
хабар диҳед, ки ба Ҷалил раванд; ва дар он ҷо Маро хоҳанд дид»+.

## Ба ришва харидани посбонони сари қабр.

11 Чун онҳо мерафтанд, баъзе аз посбонон ба шаҳр омада, ба
саркоҳинон тамоми воқеаро хабар доданд.
12 Ва онҳо бо пирон ҷамъ омада ва машварат карда, ба сарбозон
пули бисьёре доданд
13 Ва гуфтанд: «Бигӯед, ки шогирдони Ӯ шабона омада, вақте ки мо
дар хоб будем, Ӯро дуздидаанд;
14 Ва агар ин сухан ба гӯши ҳоким расад, мо вайро бовар
мекунонем ва шуморо аз хатар фориғ мегардонем».
15 Онҳо пулро гирифта, мувофиқи он дастур амал карданд. Ва ин
овоза то имрӯз дар миёни яҳудиён паҳн шудааст.

## Исо дар Ҷалил.

## Вазифаи бузург.

16 •Аммо ёздаҳ шогирд ба Ҷалил, ба кӯҳе ки Исо таъин карда буд,
рафтанд,
17 Ва Ӯро дида, ба Ӯ саҷда карданд; лекин баъзе аз онҳо ба шубҳа
афтоданд+.
18 Ва Исо наздик омада, ба онҳо гуфт: «Ба Ман тамоми қудрат дар
осмон ва бар замин дода шудааст:+
19 Пас, биравед ва ҳамаи халқҳоро шогирд созед ва онҳоро ба исми
Падар ва Писар ва Рӯҳулқудс таъмид диҳед,+
20 Ва онҳоро таълим диҳед, то ҳар он чиро, ки ба шумо фармодам,
ба ҷо оваранд; ва инак, Ман ҳаррӯза то охирзамон бо шумо ҳастам».
Омин+.

---

* 2:4 **саркоҳинон** — рӯҳонии (коҳини) бузург.

* 2:4 **китобдонони** — донандаи Таврот.

* 3:7 **фарисиён** — узви фирқае ки дар баробари Таврот ривоятҳои муршидонро низ риоя мекард.

* 3:7 **саддуқиёнро** — узви фирқае ки фақат Тавротро мешинохт.

* 5:22 **реқо** — бемулоҳиза, сабукмағз.

* 6:24 **Мамуно** — сарват; баъзе қавмҳои қадимӣ худои сарватро ҳамин тавр меномиданд.

* 14:1 **Тетрарх** — ҳокими чорьяки мамлакат.

* 17:24 **Дудирҳам** — дирҳами дучандон; дирҳам — пули сикка дар Юнони Қадим. Ин дудирҳам боҷи маъбад буд, ки ҳар сол аз ҳар яҳудӣ мегирифтанд.

* 17:27 **Истатир** — пули сиккаи румӣ, ки ба 4 динори румӣ ё ба 4 дирҳами юнонӣ баробар буд.

* 18:24 **Талант** — воҳиди калони пули нуқра ё тилло дар Ашшур ва Юнони Қадим, ки тақрибан 21 килограмм вазн дошт.

* 20:3 **Соати сеюм** — соати нӯҳи субҳ.

* 20:5 **соатҳои шашум** — соати дувоздаҳи рӯз.

* 20:5 **ва нӯҳум** — соати сеи гашти пешин.

* 20:6 **Соати ёздаҳум** — соати панҷи бегоҳирӯзӣ.

* 21:9 **Ҳӯшаъно** — наҷот деҳ.

* 23:5 **дуо-қуттичаҳон** — чор дуоро аз матни Таврот бар чор порча коғази пӯст навишта, дар қуттичаи мукааби чармин ҷой медоданд ва ин қуттичаро ба тасмаҳои дарози чармин мепайвастанд; дар вақти ибодат марди яҳудӣ якто дуо-қуттичаро ба сари худ ва яктои дигари онро ба дасти чапи худ мебаст.

* 23:5 **пӯпакҳои ридоҳои** — марди яҳудӣ дар ҳаёти ҳаррӯзаи худ аз болои либоси таг ридои (қабои) махсусе мепӯшид ва, ғайр аз он, дар вақти ибодат ба сари худ ридои дигари калонтаре мегирифт; дар чор гӯшаи ин ридоҳо шумораи муайяни наххҳои пашмин бо чандин гиреҳ, мисли пӯпак, овехта мешуд.

---

● 1:1 *Луқ. 3:23-28*

+ 1:1 Ҳас. 22:18, 2 Подш. 7:12-13

+ 1:2 Ҳас. 21:3, Ҳас. 25:6, Ҳас. 29:35

+ 1:3 Ҳас. 38, Ад. 26:21, 1 Вақ. 2:9

+ 1:4 Рут 4:18-22

+ 1:5 Ех. 2:1, Ех. 6:24

+ 1:6 1 Подш. 17:12, Иш. 11:1, 2 Подш. 11:3, 2 Подш. 12:24

+ 1:7 1 Вақ. 3:10-14

+ 1:8 2 Вак. 26:1

+ 1:11 1 Вақ. 3:16, 2 Вак. 36:1, 4 Подш. 24:14-15

+ 1:12 1 Вақ. 3:17-19, Эзр. 3:2, Ҳаҷ. 1:1

+ 1:16 Луқ. 1:27

● 1:18 *Луқ. 2:1-7*

+ 1:18 Луқ. 1:27, Луқ. 1:35

+ 1:19 Так. Шар. 22:23-24, Так. Шар. 24:1

+ 1:21 Иш. 49:1, Луқ. 1:31, Аъм. 4:12, Аъм. 13:38

+ 1:22 Иш. 7:14, Мат. 2:14, Мат. 4:14, Мат. 21:4, Мат. 26:56, Марқ. 14:49, Юҳ. 19:36, Иш. 8:8, Иш. 8:10

+ 2:1 Луқ. 1:5, Луқ. 2:4-7, Юҳ. 7:42

+ 2:2 Ирм. 23:5, Ад. 24:17

+ 2:6 2 Подш. 5:2, Мик. 5:2

+ 2:11 Хур. 30:23, Сур. Сур. 3:6, Иш. 60:6, Юҳ. 19:39

+ 2:12 Ҳас. 20:6

+ 2:15 Ҳуш. 11:1, Мат. 1:22

+ 2:17 Мат. 27:9

+ 2:18 Ирм. 31:15

+ 2:23 Луқ. 1:26, Луқ. 2:39, Юҳ. 1:45

● 3:1 *Марқ. 1:1-8, Луқ. 3:1-9, Луқ. 3:15-17, Юҳ. 1:19-28*

+ 3:1 Луқ. 1:80, Юҳ. 1:6

+ 3:2 Марқ. 1:15

+ 3:3 Иш. 40:3

+ 3:4 4 Подш. 1:8, Иб. 11:22, 1 Подш. 14:26

+ 3:6 Аъм. 19:18

+ 3:7 Мат. 12:34, Мат. 23:33, Рум. 5:9, 1 Тас. 1:10

+ 3:9 Юҳ. 8:33

+ 3:10 Мат. 7:19

+ 3:11 Юҳ. 1:15, Юил 2:28, Аъм. 2:3

+ 3:12 Иш. 30:24, Мал. 4:1, Мат. 13:30, Ибр. 6:8

● 3:13 *Марқ. 1:9-11, Луқ. 3:21-22*

+ 3:16 Аъм. 7:56, Иш. 11:2, Юҳ. 1:32-33

+ 3:17 Марқ. 9:7, Юҳ. 12:28, Иш. 42:1, Мат. 17:5, 2 Пет. 1:17

● 4:1 *Марқ. 1:12-13, Луқ. 4:1-13*

+ 4:2 Так. Шар. 9:9, 3 Подш. 19:8, Мат. 21:18

+ 4:3 1 Вақ. 21:1, 1 Тас. 3:5

+ 4:4 Так. Шар. 8:3

+ 4:5 Наҳ. 11:2, Иш. 48:2, Иш. 52:1

+ 4:6 Заб. 90:11-12, Юх. 7:4

+ 4:7 Так. Шар. 6:16

+ 4:10 Мат. 16:23, Так. Шар. 6:13

+ 4:11 Лук. 22:43

● 4:12 *Марк. 1:14-15, Лук. 4:14-15*

+ 4:12 Мат. 14:3

+ 4:13 Мат. 2:23, Ех. 19:32-34, Марк. 1:21

+ 4:14 Мат. 1:23

+ 4:16 Иш. 9:1-2

● 4:18 *Марк. 1:16-20, Лук. 5:1-11*

+ 4:18 Юх. 1:40-42

+ 4:19 Мат. 13:47

+ 4:20 Мат. 19:27

● 4:23 *Лук. 6:17-19*

+ 4:23 Марк. 1:39

+ 4:24 Луқ. 2:2

+ 4:25 Марқ. 5:20, Марқ. 7:31

● 5:3 *Луқ. 6:20-23*

+ 5:3 Саф. 3:12

+ 5:4 Воиз 7:3, Иш. 61:2-3, 2 Қӯр. 7:10, Ваҳй 21:4

+ 5:5 Заб. 36:11, Мас. 2:21

+ 5:6 Заб. 41:2, Иш. 55:1, Юҳ. 7:37

+ 5:7 Мас. 19:17, Луқ. 6:36

+ 5:8 Заб. 23:4, Заб. 50:12, 1 Юҳ. 3:2, Ибр. 12:14, Ваҳй 22:4

+ 5:9 Яъқ. 3:18, 2 Тим. 2:22, Юҳ. 1:12, 1 Юҳ. 3:1, 1 Юҳ. 5:1, Рум. 8:14

+ 5:11 Яъқ. 1:2, 1 Пет. 4:14

+ 5:12 Аъм. 5:41, Яъқ. 1:2, Рум. 5:3, 2 Қӯр. 12:10, Ибр. 10:34

● 5:13 *Марқ. 9:50, Луқ. 14:34-35*

+ 5:14 Эфс. 5:8

+ 5:15 Марқ. 4:21, Луқ. 8:16, Луқ. 11:33

+ 5:16 1 Пет. 2:12, 2 Қӯр. 9:13

+ 5:17 Рум. 3:31, Рум. 10:4

+ 5:18 Луқ. 16:17

+ 5:19 Мат. 11:11, Мат. 18:4

+ 5:20 Юҳ. 3:5

+ 5:21 Хур. 20:13

+ 5:22 1 Юҳ. 3:15

+ 5:25 Мас. 25:8, Луқ. 12:58-59

+ 5:27 Хур. 20:14

+ 5:28 Айюб 31:1, Мас. 6:25

+ 5:30 Мат. 18:8-9, Марқ. 9:43-44

● 5:31 *Мат. 19:9, Марқ. 10:11-12, Луқ. 16:18*

+ 5:31 Так. Шар. 24:1-3

+ 5:32 Рум. 7:3, 1 Қӯр. 7:10-11

+ 5:33 Ад. 30:3, Так. Шар. 23:21

+ 5:34 Иш. 66:1, Аъм. 7:49

+ 5:35 Заб. 98:5, Заб. 47:3

+ 5:37 Яъқ. 5:12

● 5:38 *Луқ. 6:27-36*

+ 5:38 Хур. 21:23-25, Иб. 24:19-20, Так. Шар. 19:21

+ 5:39 Нав. 3:30, 1 Пет. 2:23, Рум. 12:17, 1 Қӯр. 6:7

+ 5:42 Так. Шар. 15:7-8, Мас. 21:26

+ 5:43 Иб. 19:18

+ 5:44 Рум. 12:20, Луқ. 23:34, Аъм. 7:60, 1 Пет. 3:9, Рум. 12:14

+ 5:45 Айюб 25:3, Аъм. 14:17

+ 5:48 Иб. 19:2, Так. Шар. 18:13, Так. Шар. 32:4, Заб. 17:31, Мат. 19:21, Яъқ. 1:4, Эфс. 5:1, Қӯл. 1:28

+ 6:1 1 Юҳ. 2:29

+ 6:2 Луқ. 6:24

● 6:5 *Луқ. 11:2-4*

+ 6:5 Луқ. 18:11

+ 6:6 4 Подш. 4:33

+ 6:7 3 Подш. 18:26, Воиз 5:1

+ 6:10 Мат. 26:42

+ 6:11 Мас. 30:8

+ 6:13 Мат. 26:41, Юҳ. 17:15, 2 Тас. 3:3

+ 6:14 Марк. 11:25-26, Эфс. 4:32, Қӯл. 3:13

+ 6:15 Мат. 18:35, Яъқ. 2:13

+ 6:16 Иш. 58:5

● 6:19 *Луқ. 11:34-36, Луқ. 12:22-34*

+ 6:19 Мас. 23:4, 1 Тим. 3:3, 1 Тим. 6:9, Ибр. 13:5, Яъқ. 5:2-3

+ 6:20 Мат. 19:21, 1 Пет. 1:4

+ 6:24 Луқ. 16:13

+ 6:25 Фпл. 4:6, 1 Пет. 5:7

+ 6:26 Мат. 10:31, Мат. 12:12

+ 6:29 3 Подш. 10:4-7

+ 6:30 Мат. 8:26, Мат. 14:31, Мат. 16:8

+ 6:33 Заб. 36:4

● 7:1 *Луқ. 6:37-38, Луқ. 6:41-42*

+ 7:1 Рум. 14:10, 1 Қӯр. 4:5, Яъқ. 4:12

+ 7:2 Марқ. 4:24, Рум. 2:1

+ 7:6 Мат. 15:26

● 7:7 *Луқ. 11:9-13*

+ 7:8 Мас. 8:17, Мат. 18:19, Мат. 21:22, Марқ. 11:24, Юҳ. 14:13-14, 1 Юҳ. 3:22, 1 Юҳ. 5:14

+ 7:11 Ҳас. 6:5, Мат. 12:34

+ 7:12 Луқ. 6:31, Мат. 22:40, Ғал. 5:14

● 7:13 *Луқ. 13:24*

+ 7:14 Заб. 15:11

● 7:15 *Луқ. 6:43-44, Луқ. 13:25-27*

+ 7:15 Так. Шар. 13:1-3, Ирм. 14:14, Ирм. 23:16, Мат. 24:11, Марқ. 13:22, Аъм. 13:6, 2 Пет. 2:1, 1 Юҳ. 4:1, Аъм. 20:29

+ 7:16 Яъқ. 2:18

+ 7:17 Мат. 12:33-35

+ 7:19 Мат. 3:10

+ 7:21 Ҳуш. 8:2

+ 7:22 Мат. 25:11, Луқ. 6:46, Юҳ. 13:13, Марқ. 9:38, Луқ. 9:49

+ 7:23 Заб. 6:9, Мат. 25:41

● 7:24 *Луқ. 6:47-49*

+ 7:27 Мас. 10:25

+ 7:29 Марқ. 1:22, Луқ. 4:32

● 8:1 *Марқ. 1:40-45, Луқ. 5:12-16*

+ 8:2 Иб. 13:3, Ад. 12:10, 4 Подш. 5:1, 2 Вак. 26:20, Марқ. 9:22

+ 8:4 Мат. 9:30, Мат. 17:9, Марқ. 1:34, Иб. 14:1-32, Луқ. 17:14

● 8:5 *Луқ. 7:1-10*

+ 8:8 Заб. 106:20

+ 8:10 Аъм. 10:2

+ 8:11 Луқ. 13:29, Луқ. 16:23, Эфс. 3:6

+ 8:12 Мат. 13:42, Мат. 22:13, Мат. 22:30, Мат. 24:51, Мат. 25:13, Луқ. 13:28

+ 8:13 Мат. 9:29, Юҳ. 4:53

● 8:14 *Марқ. 1:29-34, Луқ. 4:38-41*

+ 8:14 1 Қӯр. 9:5

+ 8:15 Марқ. 5:41, Марқ. 9:27, Аъм. 3:7, Аъм. 9:41

+ 8:17 Иш. 53:4

● 8:18 *Луқ. 9:57-62*

+ 8:18 Марқ. 4:35, Луқ. 8:22

● 8:23 *Марқ. 4:35-41, Луқ. 8:22-25*

+ 8:26 Мат. 6:30, Заб. 64:8, Заб. 88:10, Заб. 103:7

● 8:28 *Марқ. 5:1-20, Луқ. 8:26-39*

+ 8:29 Марқ. 1:23-24, Луқ. 4:34

+ 8:34 Луқ. 5:8, Аъм. 16:39

● 9:1 *Марқ. 2:1-12, Луқ. 5:17-26*

+ 9:1 Мат. 4:13

+ 9:2 Марқ. 6:55, Мат. 8:10, Марқ. 10:52, Луқ. 7:48

+ 9:3 Иб. 24:16, Мат. 26:65, Юҳ. 10:33

● 9:9 *Марқ. 2:13-17, Луқ. 5:27-32*

+ 9:11 Мат. 11:19, Луқ. 15:2

+ 9:13 Ҳуш. 6:6, Луқ. 15:7, 1 Тим. 1:15

● 9:14 *Марқ. 2:18-22, Луқ. 5:33-39*

+ 9:14 Мат. 11:2, Мат. 14:12, Луқ. 11:1, Юҳ. 1:35, Луқ. 18:12

+ 9:15 Мат. 25:1-13, Юҳ. 3:29, Ваҳй 19:7, Ваҳй 21:2, Марқ. 14:7, Луқ. 17:22, Юҳ. 16:20

● 9:18 *Марқ. 5:21-43, Луқ. 8:40-56*

+ 9:20 Иб. 15:25

+ 9:21 Марқ. 3:10

+ 9:22 Марқ. 10:52, Луқ. 7:50, Эфс. 2:8

+ 9:24 Юҳ. 11:11

+ 9:25 Аъм. 9:40, Марқ. 1:31, Марқ. 9:27, Аъм. 3:7, Аъм. 9:41

+ 9:27 2 Подш. 7:12-16, Мат. 22:42, Луқ. 1:32, Мат. 20:29-34

+ 9:29 Мат. 8:13

+ 9:30 Мат. 8:4, Мат. 12:16, Мат. 17:9, Марқ. 1:44

+ 9:31 Марқ. 1:45, Марқ. 7:36

+ 9:34 Мат. 10:25, Мат. 12:24

+ 9:36 Марқ. 8:2, Ад. 27:17, 3 Подш. 22:17, Ҳиз. 34:5, Зак. 10:2, Марқ. 6:34

+ 9:38 Луқ. 10:2, Юҳ. 4:35

● 10:1 *Марқ. 3:13-19, Марқ. 6:7-13, Луқ. 6:12-16, Луқ. 9:1-6, Луқ. 10:1-12*

+ 10:6 Заб. 118:176, Иш. 53:6, Ирм. 50:6, Зак. 10:2, Мат. 15:24, 1 Пет. 2:25

+ 10:7 Мат. 3:2, Мат. 4:17

+ 10:8 Иб. 13:3, Мат. 8:2, Аъм. 20:35

+ 10:10 1 Тим. 5:18

+ 10:14 Аъм. 13:51

+ 10:15 Ҳас. 18:20, Ҳас. 19:24, Ирм. 23:14, Ҳиз. 16:48

● 10:16 *Марқ. 13:9-13, Луқ. 12:2-12, Луқ. 21:12-17*

+ 10:16 Луқ. 10:3, Ҳас. 3:1

+ 10:18 Аъм. 17:6, Аъм. 18:12, Аъм. 24:1, Аъм. 25:6, Заб. 118:46

+ 10:20 Мас. 16:1

+ 10:21 Мат. 24:10

+ 10:22 Мат. 24:9, Юҳ. 15:18, Яък. 5:11, Ғал. 6:9, Ваҳй 2:10

+ 10:23 Аъм. 8:1, Аъм. 14:6

+ 10:24 Луқ. 6:40, Юҳ. 13:16

+ 10:25 4 Подш. 1:2, Мат. 9:34, Мат. 12:24

+ 10:26 Марқ. 4:21, Луқ. 8:17, Луқ. 12:2

+ 10:28 Заб. 55:5, Заб. 117:6, Мас. 29:25, Иш. 51:7, Иш. 51:12

+ 10:31 Мат. 6:26, Мат. 12:12

+ 10:32 Рум. 10:9, Ваҳй 3:5

+ 10:33 Мат. 25:12, 1 Юҳ. 2:23, 2 Тим. 2:12

● 10:34 *Луқ. 12:51-53, Луқ. 14:26-27*

+ 10:34 Аъм. 14:4

+ 10:36 Мик. 7:6

+ 10:38 Мат. 16:24-25, Марқ. 8:34-35, Луқ. 9:23

+ 10:39 Юҳ. 12:25

+ 10:40 Мат. 25:40, Луқ. 10:16, Юҳ. 12:44, Юҳ. 13:20, Ғал. 4:14

+ 10:41 3 Подш. 17:10-15, 4 Подш. 4:8

+ 10:42 Марқ. 9:41, Ибр. 6:10

● 11:1 *Луқ. 7:18-35*

+ 11:2 Мат. 14:3, Луқ. 3:19-20, Юҳ. 3:24, Юҳ. 4:25, Юҳ. 6:14, Юҳ. 11:27

+ 11:5 Иш. 35:5, Иш. 61:1

+ 11:6 Юҳ. 6:61, Юҳ. 16:1

+ 11:7 Мат. 3:1

+ 11:9 Мат. 14:5, Мат. 21:26

+ 11:10 Хур. 23:20, Мал. 3:1, Марқ. 1:2

+ 11:11 Луқ. 1:15

+ 11:12 Луқ. 16:16

+ 11:14 Мал. 4:5, Мат. 17:12-13, Луқ. 1:17

+ 11:15 Ваҳй 2:7

+ 11:18 Мат. 3:4, Луқ. 1:15

+ 11:19 Юҳ. 2:1, Юҳ. 12:2, Мат. 9:10-11

● 11:20 *Луқ. 10:13-15*

+ 11:21 Марқ. 6:45, Марқ. 8:21, Марқ. 3:7

+ 11:22 Иш. 23:1, Ирм. 47:4, Ҳиз. 26:2, Юил 3:4, Ом. 1:9, Зак. 9:2, Мат. 15:21

+ 11:23 Иш. 14:13, Иш. 14:15

+ 11:24 Ҳиз. 16:48

● 11:25 *Луқ. 10:21-22*

+ 11:25 Айюб 37:24, Иш. 29:14

+ 11:27 Юҳ. 13:3, Юҳ. 17:2, Юҳ. 6:46, Юҳ. 7:29, Юҳ. 8:19, Юҳ. 10:15

+ 11:28 Заб. 54:23, Заб. 67:20, Юҳ. 7:37

+ 11:29 Ирм. 28:10-14, Ҳуш. 10:11, Зак. 9:9, Ирм. 6:16

+ 11:30 1 Юҳ. 5:3

● 12:1 *Марқ. 2:23-28, Луқ. 6:1-5*

+ 12:1 Так. Шар. 23:25

+ 12:2 Хур. 20:8-10, Ад. 15:32-36

+ 12:3 1 Подш. 21:1-6

+ 12:4 Хур. 25:30, Иб. 24:5-9

+ 12:5 Ад. 28:9

+ 12:6 Мат. 12:41

+ 12:7 Ҳуш. 6:6

● 12:9 *Марқ. 3:1-6, Луқ. 6:6-11*

+ 12:10 Луқ. 11:54, Луқ. 20:20

+ 12:12 Мат. 6:26, Мат. 10:31

+ 12:13 3 Подш. 13:6

+ 12:16 Мат. 8:4, Мат. 9:30

+ 12:17 Иш. 42:1-4

● 12:22 *Марқ. 3:20-30, Луқ. 11:14-23*

+ 12:23 2 Подш. 7:12-16, Мат. 9:27

+ 12:24 4 Подш. 1:2, Мат. 9:34, Мат. 10:25

+ 12:27 Марқ. 9:38, Аъм. 19:13

+ 12:29 Иш. 49:24-25

+ 12:30 Марқ. 9:40

+ 12:31 Марқ. 3:29, Луқ. 12:10

+ 12:33 Мат. 7:17-20, Луқ. 6:43-45

+ 12:34 Мат. 3:7, Мат. 23:33, Ҳас. 6:5, Мат. 7:11, Мат. 15:18, Яъқ. 3:6

+ 12:35 Мас. 12:5

+ 12:36 Мас. 10:19, Рум. 14:12

+ 12:37 Мат. 5:22, Яъқ. 3:2-12

● 12:38 *Марқ. 8:11-12, Луқ. 11:29-32*

+ 12:38 1 Қӯр. 1:22

+ 12:39 Мат. 16:4

+ 12:40 Юн. 2:1

+ 12:41 Рум. 2:27, Юн. 3:5, Мат. 12:6

+ 12:42 3 Подш. 10:1-13

● 12:43 *Луқ. 11:24-26*

+ 12:45 2 Пет. 2:20

● 12:46 *Марқ. 3:31-35, Луқ. 8:19-21*

\+ 12:46 Мат. 13:55, Юҳ. 2:12, Юҳ. 7:3, Аъм. 1:14, 1 Қӯр. 9:5, Ғал. 1:19

\+ 12:50 Юҳ. 15:14, Ибр. 2:11

● 13:1 *Марқ. 4:1-9, Луқ. 8:4-8*

\+ 13:7 Ирм. 4:3

\+ 13:9 Мат. 11:15

● 13:10 *Марқ. 4:10-12, Луқ. 8:9-10*

\+ 13:11 Мат. 19:11

\+ 13:12 Мас. 9:9, Мат. 25:29

\+ 13:13 Иш. 42:20, Ирм. 5:21

\+ 13:15 Иш. 6:9-10, Юҳ. 12:40, Аъм. 28:26-27

\+ 13:16 Луқ. 10:23-24

\+ 13:17 Ибр. 11:13, 1 Пет. 1:10-12

● 13:18 *Марқ. 4:13-20, Луқ. 8:11-15*

\+ 13:21 Ғал. 1:6, Ибр. 6:4

+ 13:22 Мат. 6:25, Марқ. 10:23, 1 Тим. 6:10

+ 13:23 Юҳ. 15:5

+ 13:30 Мат. 3:12

● 13:31 *Марқ. 4:30-34, Луқ. 13:18-21*

+ 13:32 Мат. 17:20, Луқ. 17:6, Ҳиз. 17:23, Ҳиз. 31:6, Дон. 4:9

+ 13:33 1 Қӯр. 5:6, Ғал. 5:9

+ 13:35 Заб. 77:2

+ 13:38 Юҳ. 8:44

+ 13:39 Юил 3:13, Ваҳй 14:15-16

+ 13:41 Мат. 24:31

+ 13:42 Дон. 3:6, Юҳ. 15:6, Ваҳй 20:15, Мат. 8:12

+ 13:43 Мас. 4:18, Дон. 12:3, Мат. 11:15

+ 13:47 Мат. 4:19

+ 13:48 Юҳ. 21:11

+ 13:49 Мат. 25:32

+ 13:50 Дон. 3:6, Мат. 8:12

● 13:53 *Марқ. 6:1-6, Луқ. 4:16-30*

+ 13:54 Мат. 2:23, Луқ. 2:39, Луқ. 4:23, Марқ. 1:21

+ 13:55 Юҳ. 6:42, Мат. 12:46

+ 13:57 Мат. 11:6, Юҳ. 4:44

● 14:1 *Марқ. 6:14-29, Луқ. 9:7-9*

+ 14:2 Мат. 16:14

+ 14:3 Мат. 4:12, Мат. 11:2, Луқ. 3:19-20, Юҳ. 3:24

+ 14:4 Иб. 18:16, Иб. 20:21

+ 14:5 Мат. 11:9, Мат. 21:26

+ 14:7 Эст. 5:3, Эст. 7:2

+ 14:12 Мат. 9:14

● 14:13 *Марқ. 6:30-44, Луқ. 9:10-17, Юҳ. 6:1-14*

+ 14:16 4 Подш. 4:42-44

+ 14:21 Мат. 15:38

● 14:22 *Марқ. 6:45-56, Юҳ. 6:15-21*

+ 14:23 Марқ. 1:35, Луқ. 4:42, Луқ. 5:16

+ 14:26 Луқ. 24:37

+ 14:31 Мат. 6:30

+ 14:33 Заб. 2:7, Луқ. 1:35

+ 14:34 Ад. 34:11, Марқ. 6:53, Луқ. 5:1

● 15:1 *Марқ. 7:1-23*

+ 15:2 Луқ. 11:38

+ 15:3 Ғал. 1:14

+ 15:4 Хур. 20:12, Хур. 21:17

+ 15:7 Мат. 23:13, Аъм. 28:25

+ 15:9 Иш. 29:13, Қӯл. 2:22

+ 15:11 Аъм. 10:15

+ 15:13 Иш. 60:21, Иш. 61:3, Яҳ. 1:12

+ 15:14 Мат. 23:16, Луқ. 6:39

+ 15:18 Мат. 12:34, Яъқ. 3:6

+ 15:19 Ғал. 5:19-21, 1 Қӯр. 6:9-10

- 15:21 *Марк. 7:24-30*

+ 15:21 Еҳ. 19:28-29, Иш. 23

+ 15:22 2 Подш. 7:12-16, Мат. 9:27, Луқ. 1:32

+ 15:24 Заб. 118:176, Иш. 53:6, Ирм. 50:6, Зак. 10:2, Мат. 10:6, 1 Пет. 2:25

+ 15:26 Мат. 7:6

● 15:29 *Марқ. 7:31*

+ 15:30 Иш. 35:5-6

+ 15:32 Мат. 9:36

+ 15:33 4 Подш. 4:42-44

+ 15:38 Мат. 14:21

● 16:1 *Марқ. 8:11-13, Луқ. 12:54-56*

+ 16:1 Мат. 3:7, 1 Қӯр. 1:22

+ 16:4 Юн. 2:1, Мат. 12:39

● 16:5 *Марқ. 8:14-21*

+ 16:6 Луқ. 12:1, 1 Қӯр. 5:7-8

+ 16:8 Мат. 6:30

+ 16:9 Мат. 14:13-21

+ 16:10 Мат. 15:36-37

● 16:13 *Марк. 8:27-30, Луқ. 9:18-21*

+ 16:14 Мат. 14:2, 3 Подш. 17:1, Мал. 4:5, Ирм. 1:1

+ 16:16 Заб. 2:7

+ 16:17 1 Қӯр. 2:13

+ 16:18 Марк. 3:16, Юҳ. 1:42, Эфс. 2:20

+ 16:19 Иш. 22:22

+ 16:20 Мат. 9:30

● 16:21 *Марк. 8:31, Луқ. 9:22-27*

+ 16:21 Луқ. 17:25, Марк. 9:31, Марк. 10:34, Юҳ. 2:19

+ 16:23 Мат. 4:10, Фпл. 3:19

+ 16:24 Мат. 10:38-39

+ 16:25 Мат. 19:29

+ 16:26 Заб. 48:8

+ 16:27 Так. Шар. 33:2, Дон. 7:13, Зак. 14:5, Мат. 24:30, Мат. 25:31, 1 Тас. 4:16, Воиз 3:17, Ваҳй 2:23

+ 16:28 Мат. 24:34, Юҳ. 21:22

● 17:1 *Марқ. 9:2-13, Луқ. 9:28-36*

+ 17:1 Марқ. 5:37, Марқ. 14:33

+ 17:2 Дон. 7:9, Ваҳй 1:16

+ 17:3 Мал. 4:5

+ 17:5 Иш. 42:1, Мат. 3:17, Так. Шар. 18:15, 2 Пет. 1:17

+ 17:9 Мат. 8:4, Мат. 9:30, Марқ. 1:44

+ 17:11 Мал. 4:5

+ 17:12 Иш. 53:7

+ 17:13 Мат. 11:14, Луқ. 1:17

● 17:14 *Марқ. 9:14-29, Луқ. 9:37-43*

+ 17:18 Марқ. 1:26, Аъм. 8:7

+ 17:20 Мат. 13:31, Луқ. 17:6, Марқ. 11:23

● 17:22 *Марқ. 9:30-32, Луқ. 9:43-45*

+ 17:23 Мат. 16:21, Мат. 20:19

+ 17:24 Марқ. 9:33, Хур. 30:13, Хур. 38:26, Мат. 22:17

+ 17:27 Рум. 13:7

● 18:1 *Марқ. 9:33-37, Марқ. 9:42-48, Луқ. 9:46-48, Луқ. 17:1-2*

+ 18:3 1 Қӯр. 14:20, Мат. 19:16

+ 18:5 Мат. 10:40, Луқ. 10:16, Юҳ. 13:20

+ 18:7 Мат. 26:24

+ 18:8 Мат. 5:30, Мат. 25:41, Ваҳй 20:10

+ 18:9 Иш. 66:24, Мат. 5:29

● 18:10 *Луқ. 15:3-7*

+ 18:14 Юҳ. 6:39

● 18:15 *Луқ. 17:3*

+ 18:15 Иб. 19:17, Яъқ. 5:19, Ғал. 6:1

+ 18:16 Так. Шар. 19:15, 2 Қӯр. 13:1

+ 18:17 Мат. 5:46-47, Тит. 3:10

+ 18:19 Мат. 7:7-8

+ 18:21 Луқ. 17:4

+ 18:25 Иб. 25:39-41, 4 Подш. 4:1, Наҳ. 5:5

+ 18:30 Мас. 28:3

+ 18:35 Мат. 6:15, Яък. 2:13

● 19:1 *Марқ. 10:1-12*

+ 19:4 Ҳас. 1:27

+ 19:5 Ҳас. 2:24, Эфс. 5:31

+ 19:6 1 Қӯр. 6:16, Мал. 2:16, 1 Қӯр. 7:10

+ 19:7 Так. Шар. 24:1

+ 19:9 Мат. 5:32, 1 Қӯр. 7:10

+ 19:11 Марқ. 4:11, 1 Қӯр. 7:7, 1 Тим. 5:14

● 19:13 *Марқ. 10:13-16, Луқ. 18:15-17*

+ 19:14 Мат. 18:3

● 19:16 *Марқ. 10:17-31, Луқ. 18:18-30*

+ 19:16 Луқ. 10:25

+ 19:17 Заб. 105:1, Заб. 118:68, Иб. 18:5, Наҳ. 9:29, Ҳиз. 20:11, Рум. 10:5, Ғал. 3:12

+ 19:19 Хур. 20:12-16, Иб. 19:18

+ 19:20 Фпл. 3:6

+ 19:21 Мат. 5:48, Луқ. 12:33, Мат. 6:20, 1 Пет. 1:4

+ 19:23 Заб. 48:7-8

+ 19:26 Ҳас. 18:14, Айюб 42:2, Ирм. 32:17, Марқ. 14:36

+ 19:27 Мат. 4:20-22

+ 19:28 Мат. 16:27, Мат. 25:31, Дон. 7:9, Луқ. 22:30, 1 Қӯр. 6:2, Ваҳй 3:21

+ 19:29 Мат. 16:25

+ 19:30 Мат. 20:16, Луқ. 13:30

+ 20:8 Иб. 19:13, Так. Шар. 24:15

+ 20:16 Мат. 19:30, Луқ. 13:30

● 20:17 *Марқ. 10:32-34, Луқ. 18:31-34*

+ 20:19 Мат. 16:21, Мат. 17:23

● 20:20 *Марк. 10:35-45*

+ 20:20 Мат. 10:2, Марк. 1:19

+ 20:21 Мат. 19:28

+ 20:22 Мат. 26:39, Юҳ. 18:11

+ 20:26 1 Пет. 5:3, Мат. 23:11, Марк. 9:35

+ 20:28 Юҳ. 13:4-5, Иш. 53:10-11, Юҳ. 11:51, 1 Пет. 1:18-19, Рум. 4:25, Ғал. 1:4, 1 Тим. 2:6, Тит. 2:14

● 20:29 *Марк. 10:46-52, Луқ. 18:35-43*

+ 20:29 Еҳ. 6:1, 3 Подш. 16:34

+ 20:30 2 Подш. 7:12-16, Мат. 9:27-31

+ 20:34 Луқ. 7:13

● 21:1 *Марк. 11:1-11, Луқ. 19:28-38, Юҳ. 12:12-19*

+ 21:1 2 Подш. 15:30, Зак. 14:4, Аъм. 1:12

+ 21:4 Иш. 62:11, Зак. 9:9, Юҳ. 12:15, Мат. 1:23, Мат. 26:56, Юҳ. 19:36

+ 21:8 4 Подш. 9:13

+ 21:9 2 Подш. 7:12-16, Мат. 9:27, Заб. 117:25-26, Заб. 148:1, Мат. 23:39

+ 21:11 Луқ. 7:16

● 21:12 *Марқ. 11:15-19, Луқ. 19:45-48, Юҳ. 2:13-22*

+ 21:12 Иб. 1:14, Иб. 5:7, Иб. 12:8, Луқ. 2:24

+ 21:13 Иш. 56:7, Ирм. 7:11

+ 21:15 2 Подш. 7:12-16, Мат. 9:27

+ 21:16 Луқ. 19:39, Заб. 8:2-3

+ 21:17 Луқ. 19:29, Луқ. 24:50, Юҳ. 11:18

● 21:18 *Марқ. 11:12-14, Марқ. 11:20-24*

+ 21:18 Мат. 4:2

+ 21:19 Ирм. 24:8, Ирм. 29:16-17, Ҳуш. 9:10, Мик. 7:1, Мат. 24:32, Луқ. 13:6

+ 21:21 Мат. 17:20, Яъқ. 1:6, 1 Қӯр. 13:2

+ 21:22 Мат. 7:8, Мат. 17:20, 1 Қӯр. 13:2

● 21:23 *Марқ. 11:27-33, Луқ. 20:1-8*

+ 21:23 Аъм. 4:7

+ 21:25 Мат. 3:6, Луқ. 7:30

+ 21:26 Мат. 11:9, Мат. 14:5

+ 21:32 Лук. 7:29

● 21:33 *Марк. 12:1-12, Лук. 20:9-19*

+ 21:33 Заб. 79:9, Иш. 5:1, Сур. Сур. 8:11, Марк. 13:34

+ 21:35 Мат. 22:6, Мат. 23:34, Ибр. 11:36-37

+ 21:37 Мат. 3:17, Ибр. 1:1

+ 21:38 Ибр. 1:2

+ 21:39 Ибр. 13:12

+ 21:41 Аъм. 13:46

+ 21:42 Заб. 117:22-23, Аъм. 4:11, 1 Пет. 2:7

+ 21:44 Иш. 8:14-15, Иш. 28:16

+ 21:46 Марк. 11:18, Марк. 11:32

● 22:1 *Лук. 14:15-24*

+ 22:1 Мат. 13:34

+ 22:2 Мат. 25:10, Ваҳй 19:7, Ваҳй 21:2

+ 22:6 Мат. 21:35, Мат. 23:34, Ибр. 11:36-37

+ 22:7 Мат. 21:41

+ 22:8 Мат. 10:11, Аъм. 13:46, Ваҳй 3:4

+ 22:13 Мат. 8:12

● 22:15 *Марқ. 12:13-17, Луқ. 20:20-26*

+ 22:15 Луқ. 11:54

+ 22:16 Так. Шар. 10:17, Қӯл. 3:25

+ 22:17 Мат. 17:24-25

+ 22:18 Марқ. 7:6, Луқ. 12:1

+ 22:21 Рум. 13:7

● 22:23 *Марқ. 12:18-27, Луқ. 20:27-40*

+ 22:23 Аъм. 4:1, Аъм. 23:8

+ 22:24 Ҳас. 38:8, Так. Шар. 25:5

+ 22:32 Хур. 3:2, Хур. 3:6

● 22:34 *Марқ. 12:28-34, Луқ. 10:25-28*

+ 22:37 Так. Шар. 6:5, Так. Шар. 11:13, Еҳ. 22:5

+ 22:39 Иб. 19:18, Мат. 19:19

+ 22:40 Мат. 7:12, Ғал. 5:14

● 22:41 *Марқ. 12:35-37, Луқ. 20:41-44*

+ 22:42 2 Подш. 7:12-16, Мат. 9:27

+ 22:44 Заб. 109:1, Аъм. 2:34-35

+ 22:46 Луқ. 20:40

● 23:1 *Марқ. 12:38-40, Луқ. 11:37-52, Луқ. 20:45-47*

+ 23:3 Рум. 2:17-23

+ 23:5 Хур. 13:9, Так. Шар. 6:8, Так. Шар. 11:18, Ад. 15:38

+ 23:6 Луқ. 14:7-8

+ 23:8 Яъқ. 3:1, Луқ. 22:32, Филем. 1:16

+ 23:9 Хур. 4:22, Ирм. 31:9, Ҳуш. 11:1, Мал. 1:6

+ 23:11 Мат. 20:26, Марқ. 9:35, Марқ. 10:43

+ 23:12 Луқ. 14:11, Луқ. 18:14

+ 23:13 Мат. 15:7

+ 23:16 Мат. 15:14

+ 23:17 Хур. 30:29

+ 23:19 Хур. 29:37

+ 23:21 Заб. 25:8, Заб. 131:14

+ 23:22 Иш. 66:1

+ 23:23 Так. Шар. 14:22, Заб. 32:5, Мик. 6:8, Зак. 7:9

+ 23:27 Аъм. 23:1, Мас. 26:23

+ 23:30 Аъм. 7:52

+ 23:33 Мат. 3:7, Мат. 12:34

+ 23:34 Мат. 21:35, Мат. 22:6, Ибр. 11:36-37, Мат. 10:17, Марқ. 13:9, Луқ. 21:12

+ 23:35 Ҳас. 4:8, 1 Юҳ. 3:12, Ибр. 11:4, 2 Вак. 24:21, Зак. 1:1, Наҳ. 9:26, Ваҳй 18:24

● 23:37 *Луқ. 13:34-35*

+ 23:37 2 Вак. 24:21, Наҳ. 9:26, Аъм. 7:52, Так. Шар. 32:11-12, Рут 2:12, Заб. 146:2

+ 23:39 Заб. 117:26, Мат. 21:9

● 24:1 *Марқ. 13:1-13, Луқ. 21:5-19*

+ 24:2 Луқ. 19:44

+ 24:4 1 Юҳ. 3:7, Қӯл. 2:8, 2 Тас. 2:3

+ 24:5 Ирм. 14:14

+ 24:6 Ирм. 51:46

+ 24:7 2 Вак. 15:6, Ваҳй 6:4, Аъм. 11:28, Ваҳй 6:8, Ваҳй 6:12

+ 24:9 Мат. 10:22, Юҳ. 15:18

+ 24:10 Мат. 10:21

+ 24:11 Мат. 7:15

+ 24:13 Яъқ. 5:11, Ваҳй 2:10

+ 24:14 Мат. 28:19, Рум. 10:18, Қӯл. 1:6, Қӯл. 1:23

● 24:15 *Марқ. 13:14-23, Луқ. 21:20-24*

+ 24:15 Дон. 9:27, Дон. 11:31, Дон. 12:11

+ 24:17 Луқ. 17:31

+ 24:19 Луқ. 23:29

+ 24:21 Ирм. 30:7, Дон. 12:1, Ваҳй 16:18

+ 24:22 Иш. 65:8, Луқ. 18:7

+ 24:23 Луқ. 17:23

+ 24:24 Так. Шар. 13:1, 2 Тас. 2:9, Ваҳй 13:13, Ваҳй 16:14

+ 24:25 Юҳ. 13:19, Юҳ. 14:29

+ 24:27 Луқ. 17:24

+ 24:28 Луқ. 17:37

● 24:29 *Марқ. 13:24-27, Луқ. 21:25-28*

+ 24:29 Ом. 8:9, Иш. 13:10, Иш. 13:13, Иш. 34:4, Юил 2:31, Ҳақ. 2:6, Аъм. 2:20, Ваҳй 6:13

+ 24:30 Дон. 7:13, Мат. 16:27, Зак. 12:10-12

+ 24:31 Иш. 27:13, 1 Қӯр. 15:52, 1 Тас. 4:16, Ваҳй 11:15, Мат. 13:41, 2 Тас. 2:1

● 24:32 *Марқ. 13:28-31, Луқ. 21:29-33*

+ 24:34 Мат. 16:28

+ 24:35 Заб. 101:26-27, Иш. 51:6, 2 Пет. 3:10

● 24:36 *Марқ. 13:32-37, Луқ. 12:38-40, Луқ. 17:26-30, Луқ. 17:34-36*

+ 24:36 Зак. 14:7

+ 24:37 Ҳас. 6:5

+ 24:39 Ҳас. 7:21

+ 24:40 Зак. 14:2

+ 24:42 Мат. 25:13

+ 24:43 2 Пет. 3:10, 1 Тас. 5:2

+ 24:44 Ваҳй 3:3, Ваҳй 16:15

● 24:45 *Луқ. 12:42-48*

+ 24:46 Мат. 25:21, Юҳ. 13:17

+ 24:48 Мат. 25:5

+ 24:51 Мат. 8:12

+ 25:1 Мат. 9:15, Юҳ. 3:29, Ваҳй 19:7, Ваҳй 21:2

+ 25:5 Мат. 24:48

+ 25:10 Мат. 22:2

+ 25:11 Мат. 7:22, Луқ. 6:46, Луқ. 13:25

+ 25:12 Мат. 10:33

+ 25:13 1 Қӯр. 16:13, Мат. 24:36, Мат. 24:42

● 25:14 *Луқ. 19:12-27*

+ 25:19 Рум. 14:12

+ 25:21 Луқ. 16:10, Ибр. 12:2

+ 25:26 Мас. 20:4

+ 25:29 Мат. 13:12

+ 25:30 Мат. 8:12

+ 25:31 Дон. 7:13, Мат. 16:27, Мат. 19:28

+ 25:32 Юил 3:12, 2 Қӯр. 5:10, Ҳиз. 34:17, Мат. 13:49

+ 25:34 Дон. 7:18, Ваҳй 21:7

+ 25:35 Иш. 58:7, Луқ. 3:11, Яъқ. 2:15-16

+ 25:36 2 Тим. 1:16-18

+ 25:40 Мат. 10:40

+ 25:41 Заб. 6:9, Мат. 7:23, Марқ. 9:43-44, Яҳ. 1:7, Ваҳй 20:10

+ 25:45 Луқ. 10:16

+ 25:46 Дон. 12:2

● 26:1 *Марқ. 14:1-2, Луқ. 22:1-2, Юҳ. 11:45-53*

+ 26:2 Хур. 12:1-30

● 26:6 *Марқ. 14:3-9, Луқ. 7:36-50, Юҳ. 12:1-8*

+ 26:6 Мат. 21:17, Юҳ. 11:1, Юҳ. 11:18, Иб. 13:3

+ 26:11 Так. Шар. 15:11, Мат. 9:15, Юҳ. 7:33

+ 26:12 Юҳ. 19:40

+ 26:13 Мат. 24:14

● 26:14 *Марқ. 14:10-11, Луқ. 22:3-6*

+ 26:14 Юҳ. 13:2, Аъм. 1:16

+ 26:15 Хур. 21:32, Зак. 11:12

● 26:17 *Марқ. 14:12-21, Луқ. 22:7-14, Луқ. 22:21-23, Юҳ. 13:21-30*

+ 26:21 Заб. 40:10, Юҳ. 13:18

+ 26:24 Иш. 53, Мат. 18:7

● 26:26 *Марқ. 14:22-26, Луқ. 22:15-20, 1 Қӯр. 11:23-25*

+ 26:26 Юҳ. 6:51, 1 Қӯр. 10:16, Ибр. 10:10

+ 26:28 Хур. 24:8

+ 26:30 Луқ. 22:39

● 26:31 *Марқ. 14:27-31, Луқ. 22:31-34, Юҳ. 13:36-38*

+ 26:31 Зак. 13:7, Юҳ. 16:32

+ 26:32 Мат. 28:7

+ 26:35 Юҳ. 11:16, Юҳ. 21:19

● 26:36 *Марқ. 14:32-42, Луқ. 22:39-46*

+ 26:37 Марқ. 5:37, Марқ. 9:2

+ 26:38 Юҳ. 12:27

+ 26:39 Ибр. 5:7, Марқ. 10:38, Юҳ. 18:11, Юҳ. 5:30, Юҳ. 6:38, Ғал. 1:4

+ 26:41 Мат. 6:13, 1 Пет. 4:7

+ 26:42 Мат. 6:10

+ 26:45 Юҳ. 2:4, Мат. 16:21, Мат. 17:22, Мат. 20:18

● 26:47 *Марқ. 14:43-50, Луқ. 22:47-53, Юҳ. 18:3-12*

+ 26:47 Аъм. 1:16

+ 26:51 Луқ. 22:38

+ 26:52 Ваҳй 13:10

+ 26:55 Мат. 21:23, Луқ. 21:37

+ 26:56 Мат. 1:22-23, Мат. 21:4, Юҳ. 19:36, Мат. 26:31, Юҳ. 16:32

● 26:57 *Марқ. 14:53-65, Луқ. 22:54-55, Луқ. 22:63-71, Юҳ. 18:13-14, Юҳ. 18:19-24*

+ 26:60 Заб. 26:12, Заб. 34:11

+ 26:61 Марқ. 15:29, Юҳ. 2:19

+ 26:62 Мат. 27:13

+ 26:63 Заб. 2:7

+ 26:64 Заб. 109:1, Дон. 7:13, Мат. 16:27, Мат. 24:30, Ибр. 1:13

+ 26:65 Ад. 14:6, Аъм. 14:14, Мат. 9:3, Юҳ. 10:36

+ 26:66 Иб. 24:16

+ 26:67 Иш. 50:6

● 26:69 *Марқ. 14:66-72, Луқ. 22:56-62, Юҳ. 18:15-18, Юҳ. 18:25-27*

+ 26:75 Мат. 26:34

● 27:1 *Марқ. 15:1, Луқ. 23:1-2, Юҳ. 18:28-32*

+ 27:2 Луқ. 3:1, Луқ. 13:1, Аъм. 3:13, 1 Тим. 6:13

● 27:3 *Аъм. 1:18-19*

+ 27:5 2 Подш. 17:23

+ 27:6 4 Подш. 12:9, Марқ. 12:41, Юҳ. 8:20

+ 27:9 Мат. 2:17

+ 27:10 Ирм. 18:3, Ирм. 32:7-9, Зак. 11:12-13

● 27:11 *Марқ. 15:2-5, Луқ. 23:3-5, Юҳ. 18:33-38*

+ 27:11 Мат. 2:2

+ 27:13 Мат. 26:62

● 27:15 *Марқ. 15:6-15, Луқ. 23:13-25, Юҳ. 18:39*

+ 27:18 Юҳ. 12:19

+ 27:20 Аъм. 3:14

+ 27:23 Луқ. 23:41, Ибр. 4:15

+ 27:24 Так. Шар. 21:6, Заб. 25:6, Заб. 72:13

+ 27:25 1 Тас. 2:16

+ 27:26 Мат. 20:19

● 27:27 *Марқ. 15:16-20, Юҳ. 19:2-3*

+ 27:30 Иш. 50:6, Мат. 20:19

● 27:32 *Марқ. 15:21-32, Луқ. 23:26-43, Юҳ. 19:17-27*

+ 27:34 Заб. 68:22

+ 27:35 Заб. 21:19

+ 27:39 Заб. 21:7, Заб. 108:25

+ 27:40 Марқ. 14:58, Юҳ. 2:19, Мат. 4:3-6

+ 27:42 Юҳ. 10:18, Юҳ. 1:49, Юҳ. 12:13, Юҳ. 20:29

● 27:45 *Марқ. 15:33-41, Луқ. 23:44-49, Юҳ. 19:28-30*

+ 27:46 Аъм. 3:1, Заб. 21:2

+ 27:48 Заб. 68:22

+ 27:51 Хур. 26:33, Иб. 16:2

+ 27:52 Иш. 26:19, Ҳиз. 37:12, Дон. 12:2, Юҳ. 5:21, Юҳ. 5:25

+ 27:53 Наҳ. 11:2, Иш. 48:2, Иш. 52:1

+ 27:56 Луқ. 8:2, Мат. 20:20

● 27:57 *Марқ. 15:42-47, Луқ. 23:50-56, Юҳ. 19:38-42*

+ 27:60 Иш. 53:9

+ 27:63 Мат. 16:21, Мат. 17:23, Мат. 20:19

+ 27:66 Дон. 6:17, Ваҳй 20:3

● 28:1 *Марқ. 16:1-8, Луқ. 24:1-12, Юҳ. 20:1-10*

+ 28:1 Луқ. 8:2, Мат. 27:61

+ 28:2 Мат. 27:60

+ 28:3 Ҳиз. 1:14, Дон. 7:9, Дон. 10:6, Марқ. 9:3, Аъм. 1:10

+ 28:4 Ваҳй 1:17

+ 28:7 Мат. 26:32

+ 28:9 Юҳ. 20:19, Юҳ. 20:21, 4 Подш. 4:27, Мат. 28:17, Луқ. 24:52

+ 28:10 Мат. 12:50, Юҳ. 20:17, Рум. 8:29, Ибр. 2:11

● 28:16 *Марқ. 16:14-18, Луқ. 24:36-49, Юҳ. 20:19-23*

+ 28:17 Юҳ. 20:25

+ 28:18 Иш. 9:6, Дон. 7:13-14, Мат. 11:27, Юҳ. 17:2

+ 28:19 2 Қӯр. 13:13, Юҳ. 4:1-2, Аъм. 8:13, Қӯл. 1:23

+ 28:20 Юҳ. 14:15, Мат. 13:39

# ИНҶИЛИ МАРҚӮС


1 2 3 4 5 6 7 8 9 10

11 12 13 14 15 16

## Хизматгузории Яҳъёи Таъмиддиҳанда; шаҳодати ӯ дар бораи Исо.

# 1

[1] •Ибтидои Инҷили Исои Масеҳ, Писари Худо,+
[2] Чунон ки дар суҳафи анбиё навишта шудааст:
«Инак, Ман қосиди Худро пешопеши Ту мефиристам,
то роҳи Туро пеши Ту муҳайё кунад+.
[3] Овози нидокунандае дар биёбон:
роҳи Худовандро тайёр кунед, тариқи Ӯро рост кунед»+.
[4] Яҳъёи Таъмиддиҳанда дар биёбон зоҳир шуд ва барои омурзиши
гуноҳҳо таъмиди тавбаро мавъиза мекард+.
[5] Тамоми мардуми сарзамини Яҳудо ва сокинони Ерусалим берун
омада, назди вай мерафтанд ва ба гуноҳҳои худ иқрор шуда, дар рӯди
Урдун аз вай таъмид меёфтанд+.
[6] Яҳъё либосе аз пашми шутур дар бар ва камарбанде аз чарм дар
камар дошт, малах ва асали ёбоӣ мехӯрд+.
[7] Ва мавъиза карда, мегуфт: «Аз паси ман Тавонотар аз ман меояд,
ва ман сазовори он нестам, ки хам шуда, давол пойафзоли Ӯро воз
кунам;
[8] Ман шуморо бо об таъмид додам, лекин Ӯ шуморо бо Рӯҳулқудс
таъмид хоҳад дод»+.

## Таъмиди Исо.

[9] •Дар он айём чунин воқеъ шуд, ки Исо аз Носираи Ҷалил омада,
дар Урдун аз Яҳъё таъмид ёфт+.
[10] Чун аз об баромад, дарҳол осмонро дид, ки шикофта аст, ва
Рӯҳро, ки монанди кабӯтаре бар Ӯ нозил мешавад+.
[11] Ва овозе аз осмон даррасид: «Ту Писари Маҳбуби Ман ҳастӣ,
хусни таваҷҷӯҳи Ман бар Туст»+.

## Озмоиши Исо.

[12] Пас аз он фавран Рӯҳ Ӯро ба биёбон бурд.
[13] Ва Ӯ чиҳил рӯз дар биёбон буд, ва шайтон Ӯро меозмуд; бо
даррандагон рӯз мегузаронд, ва фариштагон Ӯро парасторӣ
мекарданд+.

## Исо ба мавъиза кардан шурӯъ менамояд.

14 •Пас аз он ки Яҳъё таслим карда шуд, Исо ба Ҷалил омад ва
Инҷили Малакути Худоро мавъиза кард,+
15 Ки вақт расидааст ва Малакути Худо наздик аст: «Тавба кунед ва
ба Инҷил имон оваред»+.

## Даъват кардани Петрус ва Андриёс, Яъқуб ва Юҳанно.

16 Ва чун аз канори баҳри Ҷалил мегузашт, Шимъӯн ва бародараш
Андриёсро дид, ки дар баҳр тӯр меандохтанд, зеро ки сайёди моҳӣ
буданд+.
17 Ва Исо ба онҳо гуфт: «Маро пайравӣ кунед, ва Ман шуморо
сайёди мардум гардонам»+.
18 Дарҳол онҳо тӯри худро монда, аз паи Ӯ равона шуданд+.
19 Чун аз он ҷо каме пеш рафт, Яъқуб ибни Забдой ва бародари вай
Юҳанноро дид, ки дар қаиқ тӯрҳои худро таъмир мекунанд,
20 Ва дарҳол онҳоро даъват намуд. Онҳо падари худ Забдойро дар
қаиқ бо коргарон гузошта, аз паи Ӯ равона шуданд.

## Исо дар Кафарнаҳум девҳоро берун мекунад.

21 •Ва онҳо ба Кафарнаҳум омаданд; ва дере нагузашта Ӯ дар рӯзи
шанбе ба куништ даромада, ба таълим додан шурӯъ намуд+.
22 Ҳама аз таълими Ӯ дар ҳайрат монданд, зеро ки онҳоро ҳамчун
соҳибқудрат таълим медод, на ҳамчун китобдонон+.
23 Дар куништи онҳо касе буд, ки рӯҳи палид дошт, ва якбора
фарьёд зада, гуфт:
24 «Туро бо мо чӣ кор аст, эй Исои Носирӣ? Ту барои нест кардани
мо омадаӣ! Ман медонам, ки Ту кистӣ, эй Куддуси Худо!»+
25 Исо вайро манъ карда, гуфт: «Хомӯш шав ва аз вай берун ой!»
26 Рӯҳи палид вайро ба ларза андохта, бо овози баланд фарьёд заду
аз вай берун шуд+.
27 Ҳама ба воҳима афтоданд, ба дараҷае ки аз якдигар
мепурсиданд: «Ин чист? Ин чӣ таълимоти навест, ки Ӯ ба арвоҳи
палид низ боқудратона амр мефармояд, ва онҳо ба Ӯ итоат
мекунанд?»+
28 Ва овозаи Ӯ зуд дар тамоми сарзамини Ҷалил паҳн шуд.

## Шифо ёфтани модарарӯси Шимъӯн.

29 Ва аз куништ баромада, дарҳол бо Яъқуб ва Юҳанно ба хонаи
Шимъӯн ва Андриёс омаданд.
30 Модарарӯси Шимъӯн дар ҳолати табларза хобида буд; ва дарҳол
Ӯро аз ин ҳолати вай хабардор карданд+.
31 Ва Ӯ наздик шуда, аз дасти вай гирифту бархезонд; табларзаи
вай дарҳол нест шуду вай ба парастории онҳо машғул гашт+.

## Берун кардани девҳо ва шифо додани касони бисьёр.

32 Бегоҳӣ, ки офтоб фурӯ рафта буд, ҳамаи беморон ва
девонагонро назди Ӯ оварданд.
33 Ва тамоми аҳли шаҳр пеши дари хона гирд омаданд.
34 Ва Ӯ бисьёр касонро, ки ба касалиҳои гуногун гирифтор буданд,
шифо бахшид ва бисьёр девҳоро берун кард ва намонд, ки девҳо
сухан ронанд, зеро ки Масеҳ будани Ӯро медонистанд+.

## Мавъизаи Исо дар Ҷалил.

35 •Пагоҳӣ, хеле бармаҳал хеста, берун рафт ва ба хилватгоҳе
расида, дар он ҷо дуо гуфт+.
36 Шимъӯн ва касоне ки наздаш буданд, аз паи Ӯ шитофтанд;
37 Чун Ӯро ёфтанд, гуфтанд: «Ҳама Туро меҷӯянд».
38 Ӯ ба онҳо гуфт: «Ба деҳоту шаҳрҳои наздик биравем, то ки Ман
дар он ҷо низ мавъиза кунам, зеро ки Ман барои ҳамин омадаам»+.
39 Ва Ӯ дар тамоми Ҷалил дар куништҳои онҳо мавъиза менамуд
ва девҳоро берун мекард.

## Шифо ёфтани махавӣ.

40 •Махавие назди Ӯ омада, зорӣ кард ва зону зада гуфт: «Агар
хоҳӣ, метавонӣ маро пок кунӣ»+.
41 Исоро бар вай раҳм омад, дасти Худро дароз карда, вайро ламс
намуд ва гуфт: «Мехоҳам, пок шав!»
42 Баъд аз ҳамин сухан махав дарҳол аз баданаш нест шуду вай пок
гардид+.
43 Ва ба вай чашм ало карда, дарҳол аз Худ дур намуд+

44 Ва ба вай гуфт: «Зинҳор, ба касе чизе магӯ, балки рафта худро ба
коҳин нишон деҳ ва ба бадали пок шудани худ он чи Мусо
фармудааст, тақдим кун, то ба онҳо шаҳодате гардад»+.
45 Лекин вай берун рафта, ин воқеаро овоза ва нақл кардан гирифт,
ба дараҷае ки Ӯ дигар ошкоро ба шаҳр даромада наметавонист, балки
берун аз шаҳр, дар ҷойҳои хилват рӯз мегузаронд. Ва мардум аз ҳар
сӯ назди Ӯ меомаданд+.

## Шифо ёфтани мафлуҷ.

2 [1] •Пас аз чанд рӯз Ӯ боз ба Кафарнаҳум омад; овоза шуд, ки Ӯ
дар хона аст+.
[2] Дарҳол мардуми бисьёр ҷамъ омаданд, ба андозае ки назди дари
хона низ дигар ҷой набуд; ва Ӯ ба онҳо сухан мегуфт.
[3] Ва назди Ӯ бо мафлуҷе омаданд, ки вайро чор кас бардошта
буданд;
[4] Ва чун ба сабаби бисьёрии мардум ба Ӯ наздик омада
натавонистанд, боми он ҷоеро, ки Ӯ буд, кушода шикоф карданд ва
бистареро, ки мафлуҷ дар болояш хобида буд, поён фуроварданд+.
[5] Чун Исо имони онҳоро дид, ба мафлуҷ гуфт: «Эй фарзанд,
гуноҳҳои ту омурзида шуд»+.
[6] Баъзе китобдонон, ки дар он ҷо нишаста буданд, дар дили худ
андеша доштанд,
[7] Ки «чаро Ӯ ин тавр куфр мекунад? Ҷуз Худои ягона кист, ки
гуноҳҳоро омурзида тавонад?»+
[8] Исо дарҳол бар тибқи рӯҳи Худ дарьёфт, ки онҳо чунин андеша
доранд, ва ба онҳо гуфт: «Барои чӣ дар дили худ ин тавр андеша
доред?
[9] Кадомаш осонтар аст: ба мафлуҷ гуфтани он ки „гуноҳҳои ту
омурзида шуд“, ё гуфтани он ки „бархез, бистари худро бардор ва
равона шав“?
[10] Лекин то бидонед, ки Писари Одам дар рӯи замин кудрати
омурзидани гуноҳҳоро дорад», — ба мафлуҷ гуфт:
[11] «Ба ту мегӯям: бархез, бистари худро бардор ва ба хонаи худ
равона шав».
[12] Вай дарҳол бархост ва бистари худро бардошта, дар пеши
назари ҳама равона шуд, ба тавре ки ҳама ҳайрон шуданд ва Худоро
сипоскунон гуфтанд: «Мисли инро ҳаргиз надидаем».

## Даъват кардани Левӣ (Матто).

## Исо бо боҷгирон ва гуноҳкорон хӯрок мехӯрад.

[13] •Ва боз ба канори баҳр рафт; мардум ба назди Ӯ омаданд, ва Ӯ
онҳоро таълим медод.

14 Ҳангоми рафтанаш Левӣ ибни Ҳалфойро дид, ки дар боҷгоҳ
нишастааст, ва ба вай гуфт: «Аз паи Ман биё». Вай бархоста, аз паи Ӯ
равона шуд.
15 Ва ҳангоме ки Ӯ дар хонаи вай нишаста буд, бисьёре аз боҷгирон
ва гуноҳкорон низ бо Исо ва шогирдонаш менишастанд; зеро ки
бисьёр буданд, ва Ӯро пайравӣ менамуданд.
16 Чун китобдонон ва фарисиён диданд, ки Ӯ бо боҷгирон ва
гуноҳкорон хӯрок мехӯрад, ба шогирдонаш гуфтанд: «Чаро Ӯ бо
боҷгирон ва гуноҳкорон мехӯраду менӯшад?»+
17 Исо ин гапро шунида, ба онҳо гуфт: «На тандурустон, балки
беморон ба табиб ҳоҷат доранд. Ман омадаам, ки на одилонро, балки
гуноҳкоронро ба тавба даъват кунам»+.

## Масъалаи рӯзадорӣ.

18 •Шогирдони Яҳьё ва фарисиён рӯза медоштанд. Ва назди Ӯ
омада гуфтанд: «Чаро шогирдони Яҳьё ва фарисиён рӯза медоранду
шогирдони Ту рӯза намедоранд?»+
19 Исо ба онҳо гуфт: «Оё аҳли кӯшки никоҳ, модоме ки домод бо
онҳост, рӯза дошта метавонанд? То даме ки домод бо онҳост,
наметавонанд рӯза доранд;+
20 Лекин айёме хоҳад расид, ки домод аз онҳо гирифта шавад, ва
дар он айём рӯза хоҳанд дошт+.

## Масалҳо дар бораи ҷома ва машк.

21 Ҳеҷ кас ба ҷомаи кӯҳна аз матои нав ямоқ намемонад: зеро
ямоқи нав аз чизи кӯҳна ҷудо шуда, ҷои даридаи он боз ҳам бадтар
мешавад.
22 Ва ҳеҷ кас шароби навро ба машки кӯҳна намеандозад: зеро
шароби нав машкро медарад; шароб ҳам мерезад, машк ҳам талаф
мешавад; балки шароби навро дар машки нав андохтан лозим аст».

## Исо — Оғои рӯзи шанбе.

23 Ва чунин воқеъ шуд, ки Ӯ рӯзи шанбе аз киштзор мегузашт, ва
шогирдонаш дар аснои роҳ ба хӯшачинӣ сар карданд+.
24 Фарисиён ба Ӯ гуфтанд: «Бубин, онҳо дар рӯзи шанбе кореро
чаро мекунанд, ки раво нест?»+

25 Ӯ ба онҳо гуфт: «Магар ҳаргиз нахондаед, ки Довуд дар
эҳтиёчмандӣ чӣ кард, ҳангоме ки вай ва ёронаш гурусна буданд+?
26 Чӣ гуна вай дар айёми Абьётори саркоҳин ба хонаи Худо
даромада, нони тақдимро хӯрд, ки хӯрдани он, ҷуз коҳинон, ба касе
раво набуд, ва ба ёрони худ низ дод?»+
27 Ба онҳо гуфт: «Шанбе барои инсон муқаррар шудааст, на инсон
барои шанбе;+
28 Бинобар ин Писари Одам оғои рӯзи шанбе низ мебошад».

## Исо дар рӯзи шанбе дасти хушкшударо шифо медиҳад.

3 [1] •Ва боз ба куништ даромад; дар он ҷо одаме буд, ки дасти
хушкшудае дошт+.
[2] Ва аз паи Ӯ мепоиданд, ки шояд вайро дар рӯзи шанбе шифо
диҳад, то ки Ӯро айбдор кунанд+.
[3] Пас ба марди дастхушк гуфт: «Дар миёнҷо биист».
[4] Ва ба онҳо гуфт: «Дар рӯзи шанбе кадом кор ҷоиз аст — некӣ
кардан, ё бадӣ кардан? Ҷонеро наҷот додан, ё ҳалок кардан?» Лекин
онҳо хомӯш монданд+.
[5] Ва ба онҳо бо ғазаб назар афканда ва аз сахтдилиашон маҳзун
гашта, ба он одам гуфт: «Дасти худро дароз кун». Чун дароз кард,
дасташ шифо ёфт+.
[6] Фарисиён фавран берун рафта, бо ҳиродиён дар ҳаққи Ӯ
машварат намуданд, ки чӣ тавр Ӯро ҳалок кунанд.

## Фаъолияти Исо дар тамоми мамлакат вусъат меёбад.

[7] Лекин Исо бо шогирдонаш сӯи баҳр омад, ва мардуми бисьёре аз
Ҷалил ва Яҳудо аз паи Ӯ равона шуданд,+
[8] Ва аз Ерусалим, Адӯм ва он тарафи Урдун ва аз музофоти Сӯр ва
Сидӯн издиҳоми бузурге, чун амалиёти Ӯро шуниданд, назди Ӯ
омаданд.
[9] Ва ба шогирдони худ фармуд, ки ба сабаби бузургии издиҳом
қаиқе барои Ӯ муҳайё бошад, то ки Ӯро фишор надиҳанд.
[10] Зеро бисьёр касонро Ӯ шифо дода буд, бинобар ин ҳар киро
захме буд, назди Ӯ мешитофт, то Ӯро ламс кунад+.
[11] Ва арвоҳи палид, чун Ӯро медиданд, пешаш меафтоданд ва
фарьёдзанон мегуфтанд: «Ту Писари Худо ҳастӣ»+.
[12] Лекин Ӯ онҳоро сахт таъкид мекард, ки Ӯро шӯҳрат надиҳанд+.

## Интихоб шудани дувоздаҳ нафар.

[13] •Пас аз он бар фарози кӯҳе баромада, ҳар киро, ки хост, назди
Худ даъват намуд; онҳо назди Ӯ омаданд.
[14] Ва дувоздаҳ нафарро таъин кард, ки ҳамроҳи Ӯ бошанд, то ки
онҳоро барои мавъиза фиристад,

[15] Ва онҳоро қудрати он бошад, ки беморонро шифо диҳанд ва
девҳоро берун кунанд.
[16] Ва таъин кард Шимъӯнро, ки Петрус ном ниҳод;+
[17] Ва Яъқуб ибни Забдой ва Юҳанно бародари Яъқубро, ки ба онҳо
Бӯнарҷис, яъне «писарони раъд» ном ниҳод;+
[18] Ва Андриёс ва Филиппус ва Барталмо ва Матто ва Тумо ва Яъқуб
ибни Ҳалфой ва Таддо ва Шимъӯни Қанно+
[19] Ва Яхудои Исқарьютро, ки Ӯро таслим кард+.

## Хешовандони Исо барои ӯ хавотир доранд.

[20] •Ва чун ба хонае даромаданд, боз мардум фароҳам омаданд, ба
дараҷае ки онҳо фурсати нон хӯрдан ҳам надоштанд+.
[21] Ва хешони Ӯ, чун шуниданд, барои дастгир кардани Ӯ омаданд,
зеро мегуфтанд, ки Ӯ бехуд шудааст+.

## Китобдонон Исоро маломат мекунанд.

[22] Китобдононе ки аз Ерусалим омада буданд, мегуфтанд, ки Ӯ
Баал-Забул дорад ва ба воситаи калони девҳо девҳоро берун
мекунад+.
[23] Пас онҳоро наздаш талабида, ба онҳо бо масалҳо сухан гуфт: «Чӣ
гуна метавонад шайтон шайтонро берун кунад?
[24] Агар салтанате бар зидди худ аз ҳам ҷудо шавад, он салтанат
устувор истода наметавонад;
[25] Ва агар хонае бар зидди худ аз ҳам ҷудо шавад, он хона устувор
истода наметавонад;
[26] Ва агар шайтон бар зидди худ ба қиём бархоста, аз ҳам ҷудо
шуда бошад, вай устувор истода наметавонад, балки ҳалок мешавад.
[27] Ҳеҷ кас наметавонад ба хонаи шахси зӯроваре даромада, чизҳои
вайро ғорат кунад, бе он ки аввал он зӯроварро бибандад, — ва пас аз
он хонаи вайро ғорат мекунад+.
[28] Ба ростӣ ба шумо мегӯям: ҳамаи гуноҳҳои фарзандони одам ва
ҳар гуна куфр, ки гуфта бошанд, омурзида мешавад;
[29] Лекин ҳар кӣ ба Рӯҳулкудс куфр гӯяд, то абад омурзида
нашавад, балки ба азоби абадӣ маҳкум гардад»+.
[30] Зеро ки гуфтанд: «Ӯ рӯхи палид дорад».

## Хешовандии ҳақиқӣ дар Исо.

31 ●Модар ва бародарони Ӯ омада, дар берун истоданд ва ба Ӯ
касеро фиристода, Ӯро талаб намуданд+.
32 Дар гирди Ӯ мардум нишаста буданд. Ва ба Ӯ гуфтанд: «Инак
модари Ту ва бародарони Ту дар берун истода, Туро металабанд».
33 Ва ба онҳо ҷавоб дода, гуфт: «Кист модари Ман ва бародарони
Ман?»
34 Ва ба онҳое ки гирди Ӯ нишаста буданд, назар афканда, гуфт:
«Инак модари Ман ва бародарони Ман;
35 Зеро ҳар кӣ хости Худоро ба ҷо оварад, ҳамон кас бародару
хоҳару модари Ман аст»+.

## Масалҳо дар бораи Малакути Худо.

## Дар бораи коранда.

**4** 1 •Ва боз дар канори баҳр ба таълим додан шурӯъ намуд; ва
мардуми бисьёре назди Ӯ ҷамъ омаданд, ба тавре ки Ӯ ба қаиқ
даромада, дар баҳр қарор гирифт, ва тамоми мардум дар канори
баҳр меистоданд.
2 Ва бо масалҳо онҳоро чизҳои бисьёр меомӯхт ва дар таълими
Худ ба онҳо мегуфт:
3 «Гӯш диҳед, инак корандае барои пошидани тухм берун рафт;
4 Ва чун тухм мепошид, қадаре дар канори роҳ афтод, ва
паррандагон омада, онро барчиданд;
5 Қадаре бар санглох афтод, дар ҷое ки хок бисьёр набуд, ва бо
тезӣ сабзид, зеро ки хок умқ надошт;
6 Чун офтоб баромад, пажмурда шуд ва, азбаски реша надошт,
хушк шуд;
7 Қадаре дар миёни хорҳо афтод, ва хорҳо қад кашида, онро пахш
карданд, ва самаре надод;+
8 Қадаре дар хоки нағз афтод ва самара дод, ки он сабзид ва
нашъунамо ёфт, ва бор овард, баъзе сӣ баробар, баъзе шаст ва баъзе
сад».
9 Ва ба онҳо гуфт: «Ҳар кӣ гӯши шунаво дорад, бишнавад!»+
10 •Вақте ки танҳо монд, ҳозирон бо якҷоягии он дувоздаҳ нафар
шарҳи ин масалро аз Ӯ пурсиданд.
11 Ва ба онҳо гуфт: «Ба шумо донистани асрори Малакути Худо ато
шудааст, лекин ба онҳое ки дар берунанд, ҳама чиз бо масалҳо
мешавад,+
12 „Ба тавре ки онҳо бо чашмҳои худ нигоҳ мекунанд, вале
намебинанд, бо гӯшҳои худ мешунаванд, вале намефаҳманд, мабодо
руҷӯъ кунанд, ва гуноҳҳои онҳо омурзида шавад“»+.

## Шарҳи масали коранда.

13 Ва ба онҳо гуфт: «Оё ин масалро нафаҳмидед? Пас чӣ тавр дигар
масалҳоро хоҳед фаҳмид?
14 Коранда каломро мекорад+.

15 Кошташудагон дар канори роҳ касоне мебошанд, ки дар онҳо
калом кошта мешавад, ва чун шуниданд, дарҳол шайтон омада,
каломи кошташударо аз дили онҳо мерабояд.
16 Ҳамчунин кошташудагон дар санглох касоне мебошанд, ки чун
каломро бишнаванд, дарҳол онро бо шодӣ қабул мекунанд,
17 Лекин дар худ реша надоранд ва ноустуроaccess, ва чун аз боиси
калом азияте ё таъқиботе рӯй диҳад, дарҳол ба васваса меафтанд+.
18 Кошташудагон дар миёни хорҳо касоне мебошанд, ки чун
каломро бишнаванд,
19 Андешаҳои дунёӣ, ҳирси сарват ва ҳаваси чизҳои дигар дохил
шуда, каломро пахш мекунанд, ва он бесамар мегардад+.
20 Ва кошташудагон дар хоки нағз касоне мебошанд, ки каломро
шунида, кабул мекунанд ва бор меоваранд, баъзе сӣ баробар, баъзе
шаст ва баъзе сад»+.

## Масал дар бораи шамъ.

21 •Ва ба онҳо гуфт: «Оё шамъро меоваранд, то зери зарфе ё кате
гузоранд? Оё на аз барои он ки ба шамъдон гузоранд+?
22 Зеро чизи ниҳоне нест, ки ошкор нагардад; ва ҳеҷ чизи махфие
набошад, ки ба зуҳур наояд+.
23 Ҳар кӣ гӯши шунаво дорад, бишнавад!»+
24 Ва ба онҳо гуфт: «Пайхас кунед, ки чӣ мешунавед: бо кадом
андоза, ки чен кунед, ба шумо чен карда шавад ва ба шумо, ки
мешунавед, боз ҳам биафзояд+.
25 Зеро, ҳар кӣ дорад, ба вай дода шавад; ва ҳар кӣ надорад, аз вай
он чи низ дорад, гирифта шавад»+.

## Сабзиши нонамоён.

26 Ва гуфт: «Малакути Худо монанди касест, ки тухм бар замин
пошад,
27 Ва шабу рӯз бихобаду бархезад, ва тухм чӣ гуна сабзаду
нашъунамо ёбад, вай надонад;
28 Зеро замин худ аз худ бор меоварад, аввал майса, баъд хӯша, пас
аз он донаи пурра дар хӯша;
29 Ва чун ҳосил расид, фавран досро ба кор меандозад, зеро ки
вақти дарав расидааст»+.

## Масал дар бораи донаи хардал.

30 •Ва гуфт: «Малакути Худоро ба чӣ монанд кунем ва бо кадом
масал онро тасвир намоем?
31 Мисли донаи хардалест: вақте ки ба замин кошта мешавад,
хурдтарини тухмҳои рӯи замин аст+.
32 Лекин чун кошта шуд, месабзад ва аз ҳамаи наботот бузургтар
мегардад ва шохаҳои калон мерасонад, ба тавре ки мурғони ҳаво
зери сояи он метавонанд паноҳ баранд»+.
33 Ва бо ин гуна масалҳои бисьёр, ба қадре ки тавоноии шунидан
доштанд, каломро ба онҳо баён мекард;
34 Бе масал ба онҳо сухан намегуфт, лекин дар хилват ҳамаи
маониро ба шогирдони Худ мефаҳмонд.

## Исо тундбодро ором мекунад.

35 •Бегоҳии ҳамон рӯз ба онҳо гуфт: «Ба канори дигар бигзарем»+.
36 Онҳо мардумро ҷавоб дода, Ӯро ҳамон тавре ки дар қаиқ буд,
гирифтанд, ва чанд қаиқи дигар низ ҳамроҳи Ӯ буд.
37 Ва тундбоди шадиде бархост, ва мавҷҳо ба қаиқ бармехӯрд, ба
тавре ки он пур аз об мешуд,+
38 Ва Ӯ дар ақиби қаиқ бар болине хуфта буд. Ӯро бедор карда,
гуфтанд: «Эй Устод, оё Туро парвое нест, ки мо ҳалок мешавем?»
39 Ӯ бархоста, бодро манъ кард ва ба баҳр гуфт: «Хомӯш шав ва
ором бош». Бод хомӯш шуд, ва оромии том барқарор гардид+.
40 Ва ба онҳо гуфт: «Барои чӣ шумо чунин ҳаросонед? Чаро имон
надоред?»
41 Ва онҳо хеле ба ҳарос афтода, ба якдигар гуфтанд: «Ин кист, ки
боду баҳр ҳам ба Ӯ итоат мекунанд?»

## Шифо ёфтани девона дар Ҷадар.

5 [1] •Пас ба он канори баҳр ба сарзамини ҷадариён расиданд.
[2] Чун аз қаиқ берун омад, дарҳол касе ки рӯҳи палид дошт, аз
миёни гӯрҳо баромада, бо Ӯ рӯ ба рӯ шуд,
[3] Ки бошишгоҳи вай мағоки гӯр буд, ва ҳеҷ кас наметавонист бо
занҷир ҳам вайро бибандад;
[4] Зеро ки борҳо вайро бо завлона ва занҷирҳо баста буданд, лекин
занҷирҳоро канда ва завлонаҳоро шикаста буд, ва ҳеҷ кас
наметавонист вайро ром кунад;
[5] Ва ҳамеша, рӯзу шаб, дар кӯҳҳо ва дар миёни гӯрҳо фарьёд
мекашид ва худро бо сангҳо мезад.
[6] Чун Исоро аз дур дид, давон-давон омада, ба Ӯ сачда кард.
[7] Ва бо овози баланд фарьёд зада, гуфт: «Туро бо ман чӣ кор аст, эй
Исо, Писари Худои Таоло? Туро ба Худо қасам медиҳам, ки маро азоб
надиҳӣ!»+
[8] Зеро ки ба вай гуфта буд: «Эй рӯҳи палид, аз ин шахс берун шав».
[9] Ва аз вай пурсид: «Номи ту чист?» Вай ҷавоб дод: «Номи ман
легион аст, чунки мо бисьёрем».
[10] Ва аз Ӯ бисьёр илтимос мекарданд, ки онҳоро аз он сарзамин
берун накунад.
[11] Ва дар чарогоҳи он кӯҳҳо галаи бузурги хукҳо мечарид.
[12] Ва ҳамаи девҳо аз Ӯ илтимос карда, гуфтанд: «Моро ба хукҳо
равона кун, то дар онҳо дохил шавем».
[13] Исо дарҳол ба онҳо иҷозат дод. Ва арвоҳи палид берун шуда, ба
хукҳо даромаданд ва он гала аз баландӣ якбора ба баҳр ҷаст, ва онҳо
қариб ду ҳазор буданд ва дар баҳр ғарқ шуданд.
[14] Ва хукбонҳо давида рафтанду дар шаҳр ва дар деҳот онро нақл
карданд. Ва мардум барои дидани он моҷаро берун шитофтанд.
[15] Ва назди Исо омада, он девонаро нишаста диданд, ки дар вай
легион буд, ва либос пӯшидааст ва ақлаш солим гаштааст; ва ҳаросон
шуданд.
[16] Касоне ки дида буданд, саргузашти девонаро, ва он чиро, ки ба
хукон рӯй дод, ба онҳо нақл карданд.
[17] Ва аз Ӯ илтимос карданд, ки аз худуди онҳо берун равад+.

18 Ва чун ба қаиқ савор шуд, он ки девона буд, аз Ӯ иҷозат пурсид,
ки бо Ӯ бошад.
19 Аммо Исо иҷозат надод, балки ба вай гуфт: «Ба хона назди хешу
табори худ бирав ва хабар деҳ аз он чи, ки Худованд бо ту кардааст,
ва чӣ гуна ба ту раҳм намудааст»+.
20 Пас вай равона шуда, он чиро, ки Исо бо вай карда буд, дар
Декаполис мавъиза кардан гирифт. Ва ҳама дар тааҷҷуб
мемонданд+.

## Исо зани беморро шифо медиҳад ва духтари Ёирро зинда мекунад.

21 •Чун Исо боз бо қаиқ ба он сӯи баҳр гузашт, мардуми бисьёре
назди Ӯ ҷамъ омаданд, ва Ӯ дар канори баҳр буд.
22 Ва инак яке аз сардорони куништ омад, ки Ёир ном дошт, ва чун
Ӯро дид, пеши пояш афтод+
23 Ва аз Ӯ хеле илтимос карда, гуфт: «Духтари ман дар ҳолати назъ
аст; биё ва даст бар вай гузор, то шифо ёбад ва зиндагӣ кунад».
24 Пас бо вай равона шуд, ва мардуми бисьёре аз паи Ӯ рафта, Ӯро
фишор медоданд.
25 Як зане ки дувоздаҳ сол боз гирифтори хунравӣ буд,+
26 Ва азоби бисьёре аз табибони зиёд кашида ва ҳамаи доройи
худро сарф карда, ҳеҷ фоидае надида буд, балки аҳволаш торафт
бадтар мешуд, —
27 Чун овозаи Исоро шунид, дар миёни он гурӯҳ аз қафо омада,
либоси Ӯро ламс намуд;
28 Зеро гуфт: «Агар лоақал либоси Ӯро ламс кунам, шифо
меёбам»+.
29 Ва дарҳол чашмаи хуни вай хушк шуд, ва дар ҷисми худ ҳис
кард, ки аз касалӣ шифо ёфтааст.
30 Дар айни замон Исо дар Худ ҳис кард, ки қуввае аз Ӯ берун рафт,
ва ба мардум муроҷиат карда, гуфт: «Кист, ки либоси Маро ламс
кард?»+
31 Шогирдонаш ба Ӯ гуфтанд: «Мебинӣ, ки мардум Туро фишор
медиҳанд, ва мегӯӣ: „Кист, ки Маро ламс кард?“»

32 Аммо Ӯ ба гирду пеш менигарист, то он занро, ки ин тавр амал
кардааст, бубинад.
33 Он зан, чун донист, ки ба вай чӣ ҳодиса рӯй дод, тарсону ларзон
омада, пеши Ӯ афтод ва тамоми ҳақиқатро ба Ӯ гуфт.
34 Ӯ ба вай гуфт: «Духтарам! Имонат туро шифо бахшид; ба
саломатӣ бирав ва аз касалии худ дар амон бош»+.
35 Ӯ ҳанӯз сухан мегуфт, ки аз хонаи сардори куништ омада
гуфтанд: «Духтарат мурд; боз барои чӣ Устодро заҳмат медиҳӣ?»
36 Аммо Исо ин суханонро шунида, ба сардори куништ гуфт:
«Натарс, фақат имон овару бас».
37 Ва, ҷуз Петрус, Яъқуб ва Юҳанно бародари Яъқуб, касеро иҷозат
надод, ки аз паяш равад+.
38 Чун ба хонаи сардори куништ расид, азодоронро дар ҳолати
изтироб дид, ки гирья ва навҳаи бисьёр мекарданд.
39 Ва даромадан замон ба онҳо гуфт: «Чаро дар изтироб афтодаед
ва гирья мекунед? Духтар намурдааст, балки хуфтааст»+.
40 Ва онҳо бар Ӯ хандиданд, лекин Ӯ ҳамаро берун карда, бо падару
модари духтар ва бо рафиқонаш ба ҳуҷрае ки духтар хобида буд,
даромад.
41 Ва дасти духтарро гирифта, гуфт: «Талито-қуми», ки маънояш
ин аст: «Эй духтар, туро мегӯям, бархез»+.
42 Дарҳол духтар бархоста, равон шуд, зеро ки дувоздаҳсола буд.
Онҳо хеле дар ҳайрат монданд.
43 Ва Ӯ онҳоро сахт таъкид карда, фармуд, ки касе аз ин огоҳ
нашавад, ва гуфт, то хӯроке ба вай диҳанд+.

## Исо аз нав дар Носира.

6 1 •Аз он ҷо баромада, ба зодгоҳи Худ омад, ва шогирдонаш аз
ақиби Ӯ омаданд+.
2 Чун рӯзи шанбе расид, дар куништ ба таълим додан оғоз намуд,
ва бисьёр шунавандагон дар ҳайрат монда, мегуфтанд: «Аз куҷост
дар Ӯ ин чизҳо? Чӣ ҳикматест, ки ба Ӯ ато шудааст, ки чунин
мӯъҷизот аз дасти Ӯ содир мегардад+?
3 Оё ин ҳамон наҷҷор нест, ки писари Марьям ва бародари Яъқуб,
Йӯсе, Яҳудо ва Шимъӯн аст? Оё хоҳарони Ӯ ин ҷо дар байни мо
намебошанд?» Ва дар ҳаққи Ӯ ба васваса меафтоданд+.
4 Лекин Исо ба онҳо гуфт: «Пайғамбар беқадр набошад, ҷуз дар
зодгоҳи худ ва дар байни хешовандон ва дар хонаи худ»+.
5 Ва дар он ҷо ҳеҷ мӯъҷиза нишон дода натавонист, ҷуз он ки
дастҳояшро бар чанд беморе ниҳода, онҳоро шифо дод.
6 Ва аз беимонии онҳо дар ҳайрат афтод. Дар деҳоти он музофот
гашта, таълим медод.

## Исо 12 шогирдонро мефиристад, то ки мавъиза намоянд ва шифо диҳанд.

7 •Пас он дувоздаҳро назди Худ хонда, ба ҷуфт-ҷуфт фиристодани
онҳо оғоз намуд ва ба онҳо бар арвоҳи палид қудрат дод+.
8 Ва фармуд, ки барои роҳ ҳеҷ чизе бо худ, ҷуз асое, нагиранд: на
тӯрбае, на ноне, на пуле дар камарбанд,
9 Балки чоруқе дар по кашанд ва ду пероҳан дар бар накунанд.
10 Ва ба онҳо гуфт: «Ҳар ҷо, ки ба хонае даромадед, то вақти сафар
кардан дар он ҷо бимонед.
11 Ва ҳар ҷо, ки шуморо қабул накунанд ва ба сухани шумо гӯш
надиҳанд, аз он ҷо берун рафта, ғубори пойҳои худро биафшонед, то
шаҳодате бар онҳо гардад. Ба ростӣ ба шумо мегӯям: ҳолати Садӯм ва
Амӯро дар рӯзи доварӣ аз он шаҳр саҳлтар хоҳад буд»+.
12 Онҳо равона шуда, ба мавъиза кардан оғоз намуданд, ки бояд
тавба кард;+
13 Бисьёр девҳоро берун карданд ва бисьёр беморонро равған
молида шифо доданд+.

## Қатли Яҳъёи Таъмиддиҳанда.

14 •Чун подшоҳ Ҳиродус шунид, — зеро номи Ӯ шӯҳрат ёфта буд, — гуфт, ки Яҳъёи Таъмиддиҳанда аз мурдагон эҳъё шудааст, ва аз ин сабаб мӯъҷизот аз вай ба зуҳур меояд+.
15 Баъзе мегуфтанд, ки ин Ильёс аст. Аммо баъзе мегуфтанд, ки ин пайғамбар аст ё чун яке аз пайғамбарон+.
16 Лекин Ҳиродус, чун шунид, гуфт. «Ин ҳамон Яҳъёст, ки ман сарашро аз тан ҷудо кардам; вай аз мурдагон эҳъё шудааст».
17 Зеро Ҳиродус одам фиристода, Яҳъёро дастгир карда ба зиндон андохта буд, ба хотири Ҳиродия зани Филиппус бародараш, ки вайро ба никоҳи худ даровварда буд+.
18 Зеро Яҳъё ба Ҳиродус гуфта буд: «Зани бародари худро ба никоҳ даровардани ту раво нест».
19 Пас Ҳиродия ба Яҳъё кина баста буд ва мехост ӯро ба қатл расонад, лекин наметавонист.
20 Зеро ки Ҳиродус аз Яҳъё метарсид, вайро марди одилу муқаддас медонист ва рӯихотир мекард; ба гапаш гӯш дода, бисьёр музтариб мешуд ва суханонашро ба хушӣ мешунид.
21 Фурсате расид, ки Ҳиродус ба муносибати рӯзи таваллуди худ барои мансабдорони худ, ба мириҳазорон ва калонтарони Ҷалил базме орост, —+
22 Ва духтари Ҳиродия ба базм даромада рақсид, Ҳиродус ва ононеро, ки ҳамроҳаш нишаста буданд, шод намуд. Подшоҳ ба духтар гуфт: «Ҳар чӣ мехоҳӣ, аз ман талаб кун, онро ба ту бидиҳам».
23 Ва қасам ёд кард, ки «ҳар чӣ аз ман талаб кунӣ, ҳатто нисфи қаламрави ман бошад ҳам, ба ту медиҳам»+.
24 Духтар берун рафта, аз модари худ пурсид, ки «чӣ талаб кунам?» Модараш ҷавоб дод: «Каллаи Яҳъёи Таъмиддиҳандаро».
25 Вай дарҳол назди подшоҳ шитофт ва гуфт: «Мехоҳам каллаи Яҳъёи Таъмиддиҳандаро ҳамин дам дар табақе ба ман ҳадия кунӣ».
26 Подшоҳ басе ғамгин шуд; лекин барои поси савгандаш ва ба хотири ононе ки ҳамроҳаш нишаста буданд, хоҳиши вайро рад кардан нахост.
27 Дарҳол подшоҳ ҷаллодеро фиристода, фармуд, ки каллаи вайро биёрад;

28 Ҷаллод рафта, дар зиндон каллаи вайро аз тан ҷудо кард ва бар
табақе ниҳода овард ва ба духтар дод, ва духтар онро ба модари худ
дод.
29 Чун шогирдонаш шуниданд, омада, ҷасади вайро бардошта
бурданду гӯр карданд+.

## Баргаштани 12 ҳавворийён.

30 •Ҳавворийён назди Исо ҷамъ омада, ҳар он чиро, ки ба ҷо оварда
ва таълим дода буданд, ба Ӯ нақл карданд+.
31 Ӯ ба онҳо гуфт: «Шумо ба танҳоӣ ба ягон ҷои хилват биравед ва
каме истироҳат кунед». Зеро омаду рафт чунон бисьёр буд, ки
фурсати нон хӯрдан ҳам надоштанд+.

## Сер шудани панҷ ҳазор мард.

32 Пас ба танҳоӣ бо қаиқ ба ҷои хилват равона шуданд.
33 Чун мардум онҳоро равона диданд, бисьёре онҳоро шинохтанд;
аз ҳамаи шаҳрҳо пиёда ба он сӯ шитофтанд ва аз онҳо пеш гузашта,
назди Ӯ ҷамъ шуданд.
34 Исо берун омада, анбӯҳи мардумро дид ва ба онҳо раҳмаш омад,
зеро онҳо мисли гӯсфандоне буданд, ки чӯпон надоштанд; ва онҳоро
бисьёр таълим додан гирифт+.
35 Азбаски вақт хеле гузашта буд, шогирдонаш назди Ӯ омада
гуфтанд: «Ин ҷо ҷои хилват аст, вақт ҳам дер шуд;
36 Инҳоро ҷавоб деҳ, то ки ба қасабаю деҳоти ин музофот рафта,
барои худ ноне бихаранд; зеро ки хеҷ хӯроке надоранд».
37 Ӯ дар ҷавобашон гуфт: «Шумо ба онҳо хӯрок диҳед». Ба Ӯ
гуфтанд: «Магар мо рафта, ба дусад динор нон бихарем ва барои
хӯрдани онҳо диҳем?»+
38 Аз онҳо пурсид: «Чандто нон доред? Рафта бинед». Онхо
дарьёфта, гуфтанд: «Панҷ нон ва ду моҳӣ».
39 Он гоҳ фармуд, ки ҳамаро даста-даста бар сабза шиминанд.
40 Пас қатор-қатор, саднафара ва панҷоҳнафара нишастанд.
41 Ӯ панҷ нону ду моҳиро гирифт ва ба осмон нигариста, баракат
дод ва нонро пора карда, ба шогирдонаш дод, то пеши ҷамоат
гузоранд; ду моҳиро низ ба ҳамаи онҳо тақсим кард.
42 Ҳама хӯрданду сер шуданд;

43 Ва аз пораҳои нон ва моҳӣ дувоздаҳ сабадро пур карда
бардоштанд;
44 Хӯрандагони нон тақрибан панҷ ҳазор мард буданд.

## Исо бар баҳр қадам мезанад.

45 •Дарҳол Ӯ шогирдонашро фармуд, ки ба қаиқ савор шуда, пеш аз
Ӯ ба он соҳил сӯи Байт-Сайдо равона шаванд, то Ӯ мардумро ҷавоб
диҳад+.
46 Ва чун онҳоро ҷавоб дод, барои дуо гуфтан бар фарози кӯҳе
баромад+.
47 Шомгоҳон қаиқ ба миёнаи баҳр расида буд, ва Ӯ танҳо бар
хушкӣ буд.
48 Ва онҳоро дар рондани қаиқ бемаҷол дид, зеро ки боди мухолиф
мевазид; наздики поси чоруми шаб бар баҳр қадам зада назди онҳо
омад, ва мехост аз онҳо бигзарад.
49 Онҳо чун Ӯро диданд, ки бар баҳр қадам мезанад, гумон
карданд, ки ин шабаҳ аст, ва фарьёд заданд+.
50 Зеро ки ҳама Ӯро дида, ҳаросон шуданд. Дарҳол Ӯ ба онҳо хитоб
карда, гуфт: «Ором бошед; ин Манам, ҳаросон нашавед».
51 Ва назди онҳо ба қаиқ даромад; бод низ сокит шуд. Ва онҳо
бениҳоят дар ҳайрат афтоданд ва тааҷҷуб карданд.
52 Зеро ки мӯъҷизаи нонро дарк накарда буданд, чунки дилашон
сахт буд+.

## Исо назди баҳри Ҷинесор шифо медиҳад.

53 Ва аз баҳр гузашта, ба сарзамини Ҷинесор омаданд ва лангар
андохтанд+.
54 Чун аз қаиқ баромаданд, дарҳол мардум Ӯро шинохтанд.
55 Ва сар то сари он музофот шитофтанд ва беморонро бар тахтаҳо
ниҳода, ба ҳар ҷо, ки мешуниданд Ӯ он ҷост, меоварданд+.
56 Ва ба ҳар чо, ки Ӯ ба қасабаҳо ё шаҳрҳо ё деҳкадаҳо меомад,
беморонро дар сари гузар мегузоштанд ва аз Ӯ илтимос менамуданд,
ки фақат домани ҷомаи Ӯро ламс кунанд; ва ҳар кӣ ламс кард, шифо
ёфт+.

## Аҳкоми Худо аз қоидаҳои инсонӣ болотар аст.

7 1 •Фарисиён ва баъзе китобдонон, ки аз Ерусалим омада
буданд, назди Ӯ ҷамъ шуданд;
2 Ва чун диданд, ки баъзе шогирдони Ӯ бо дастҳои нопок, яъне
ношуста, нон мехӯранд, сарзаниш карданд.
3 Зеро ки фарисиён ва ҳамаи яҳудиён ба ривоятҳои муршидон
пайравӣ намуда, то дастҳои худро бодиққат нашӯянд, хӯрок
намехӯранд;+
4 Ва чун аз бозорҳо оянд, то нашӯянд, чизе намехӯранд. Ва бисьёр
расмҳои дигар ҳаст, ки нигоҳ медоранд: монанди шустани пиёлаҳо,
кӯзаҳо ва курсиҳо+.
5 Пас фарисиён ва китобдонон аз Ӯ пурсиданд: «Чаро шогирдони
Ту ба ривоятҳои муршидон пайравӣ намекунанд, балки бо дастҳои
ношуста нон мехӯранд?»+
6 Ӯ ба онҳо ҷавоб дода гуфт: «Ишаъё дар бораи шумо, эй риёкорон,
некӯ пайғом додааст, чунон ки навишта шудааст:
„Ин мардум бо лабони худ Маро парастиш мекунанд,
лекин дилашон аз Ман дур аст;+
7 Пас Маро бар абас парастиш мекунанд,
зеро ки таълимоту аҳкоми инсониро таълим медиҳанд“+.
8 Зеро шумо ҳукми Худоро як сӯ гузошта, ривоятҳои инсониро,
монанди шустани кӯзаҳо ва пиёлаҳо, нигоҳ медоред ва бисьёр
расмҳои дигарро ба ҷо меоваред».
9 Ва ба онҳо гуфт: «Оё хуб аст, ки шумо ҳукми Худоро ботил
мекунед, то ки ривояти худро риоя намоед?
10 Зеро Мусо гуфтааст: „Падару модари худро иззат намо“; ва: „Ҳар
кӣ падар ё модари худро дашном диҳад, албатта ҳалок гардад“+.
11 Лекин шумо мегӯед: „Ҳар гоҳ касе ба падар ё модари худ гӯяд:
«Он чи аз ман нафъ ёбӣ, қурбон, яъне ҳадия барои Ҳудост»“, —
12 Ва баъд аз ин намегузоред, ки вай ба падар ё модари худ ягон
чиз кунад,
13 Дар айни ҳол каломи Худоро бо ривояти худ, ки ҷорӣ сохтаед,
бартараф менамоед; ва бисьёр расмҳои монанди инро ба ҷо
меоваред».

## Одамро ба ҳузури Худо чӣ палид мекунад.

[14] Ва он ҷамоатро назди худ даъват намуда, гуфт: «Ҳама ба Ман
гӯш диҳед ва бифаҳмед.
[15] Чизе нест, ки аз берун ба даруни одам даромада, вайро палид
карда тавонад; балки чизе ки аз дарунаш баромада бошад, одамро
палид мекунад+.
[16] Ҳар кӣ гӯши шунаво дорад, бишнавад!»
[17] Ва чун аз назди ҷамоат ба хона даромад, шогирдонаш маънии
ин масалро аз Ӯ пурсиданд.
[18] Ӯ ба онҳо гуфт: «Оё шумо низ чунин бефаҳм ҳастед? Оё
намедонед, ки ҳар чизе аз берун ба даруни одам дарояд, наметавонад
вайро нопок кунад?
[19] Зеро ба даруни дилаш намедарояд, балки ба шикамаш меравад
ва аз он хориҷ мешавад, ва ба ин сурат ҳар хӯрок пок мегардад»+.
[20] Баъд гуфт: «Он чи аз одам берун ояд, одамро нопок месозад;+
[21] Зеро ки аз даруни дили одам хаёлоти бад, зино, фисқ, катл,+
[22] Дуздӣ, тамаъ, кина, макр, ҳирс, чашми бад, куфр, ғурур ва
ҷаҳолат пайдо мешавад.
[23] Тамоми ин чизҳои бад аз дарун пайдо шуда, одамро палид
мекунад».

## Исо ва зане ки аз Финиқияи Сурия буд.

[24] •Ва аз он ҷо равона шуда, ба худуди Сӯр ва Сидӯн расид; ва ба
хонае даромада, нахост, ки касе Ӯро шиносад; лекин натавонист
пинҳон монад+.
[25] Зеро зане ки духтараш рӯҳи палид дошт, хабари Ӯро шунид ва
ҳамон дам омада, пеши пои Ӯ афтод;
[26] Ва он зан юнонӣ, аз аҳли Финиқияи Сурия буд; ва аз Ӯ илтимос
намуд, ки деврο аз духтараш берун кунад+.
[27] Лекин Исо ба вай гуфт: «Бигзор аввал бачагон сер шаванд; зеро
нони бачагонро гирифта, пеши сагон партофтан хуб нест»+.
[28] Зан ҷавоб дода гуфт: «Оре, Худовандо; лекин сагон низ
пасмондаҳои бачагонро зери суфра мехӯранд».
[29] Ба вай гуфт: «Аз барои ин сухан бирав, ки дев аз духтарат берун
шуд».

30 Чун зан ба хонаи худ омад, девро беруншуда ва духтарро бар
бистар хуфта ёфт.

## Касе ки гӯши кар ва лакнати забон дошт, шифо ёфт.

31 Боз аз ҳудуди Сӯр ва Сидӯн баромада, Ӯ ба воситаи ҳудуди
Декаполис сӯи баҳри Ҷалил равона шуд+.
32 Назди Ӯ якеро оварданд, ки гӯши кар ва лакнати забон дошт, ва
илтимос карданд, ки даст бар вай гузорад+.
33 Вайро аз миёни ҷамоат ба хилват бурда, ангушти Худро дар
гӯшҳои вай ниҳод ва туф карда, забонашро ламс кард;+
34 Ва ба осмон нигариста, оҳе кашид ва ба вай гуфт: «Ифатаҳ»,
яъне: «Воз шав».
35 Дарҳол гӯшҳояш кушода ва гиреҳи забонаш яла шуда, ба
дурустӣ сухан гуфт.
36 Ва ба онҳо таъин кард, ки ба касе хабар надиҳанд. Лекин ҳар
чанд ба онҳо манъ мекард, онҳо бештар овоза мекарданд+.
37 Ва бағоят ҳайрон монда, мегуфтанд: «Ҳар корро нағз мекунад:
карҳоро шунаво ва гунгҳоро гӯё мегардонад».

## Сер шудани 4 ҳазор нафар.

8 1 •Дар он рӯзҳо, ки боз мардуми бисьёре ҷамъ омада буданд ва
барои хӯрдан чизе надоштанд, Исо шогирдони Худро пеш хонда,
гуфт:
2 «Ба ин мардум дилам месӯзад, зеро ки се рӯз боз назди Ман
мебошанд ва барои хӯрдан чизе надоранд;+
3 Агар онҳоро гурусна ба хонаҳошон ҷавоб диҳам, дар роҳ бемадор
хоҳанд шуд, зеро ки баъзе аз онҳо аз роҳи дур омадаанд».
4 Шогирдонаш ба Ӯ ҷавоб доданд: «Аз куҷо касе метавонад дар ин
биёбон онҳоро аз нон сер кунад?»+
5 Аз онҳо пурсид: «Чандто нон доред?» Гуфтанд: «Ҳафтто».
6 Пас ҷамоатро фармуд, ки бар замин бинишинанд; ҳафт нонро
гирифта, бо изҳори шукргузорӣ пора кард ва ба шогирдонаш дод, то
пеши ҷамоат гузоранд; ва онҳо гузоштанд.
7 Ва чанд моҳии майда низ доштанд; онҳоро низ, баракат дода,
фармуд, ки пеши ҷамоат гузоранд.
8 Онҳо хӯрда сер шуданд; ва аз пораҳои боқимонда ҳафт сабадро
пур карда бардоштанд.
9 Хӯрандагон қариб чор ҳазор нафар буданд. Ва онҳоро ҷавоб дод.

## Фарисиён аломат талаб мекунанд.

10 Дарҳол бо шогирдонаш ба қаиқ савор шуда, ба худуди
Далмонуто омад.
11 •Фарисиён берун омада, бо Ӯ ба мунозира даромаданд ва Ӯро
озмуда, аломати осмонӣ аз Ӯ талаб карданд+.
12 Ӯ, аз дил оҳе кашида, гуфт: «Чаро ин насл аломате талаб
мекунад? Ба ростӣ ба шумо мегӯям: аломате ба ин насл ато нахоҳад
шуд».
13 Пас онҳоро гузошта, боз ба қаиқ савор шуд ва ба соҳили дигар
гузашт.

## Огоҳонидан аз хамиртуруши фарисиён ва Ҳиродус.

14 •Онҳо нон гирифтанро фаромӯш карданд ва бо худ дар қаиқ ҷуз
як нон надоштанд.

15 Ӯ онҳоро огоҳ карда, гуфт: «Бохабар бошед, аз хамиртуруши
фарисиён ва аз хамиртуруши Ҳиродус ҳазар кунед»+.
16 Онҳо бо якдигар муҳокима ронда, мегуфтанд: «Ин аз он сабаб
аст, ки нон надорем».
17 Исо инро дарьёфта, ба онҳо гуфт: «Чаро муҳокима мекунед, ки
нон надоред? Оё ҳанӯз нафаҳмидаед ва дарк накардаед? Оё то ҳол
дили шумо сахт аст+?
18 Чашм дореду намебинед? Гӯш дореду намешунавед? Ва дар
хотир надоред+?
19 Ҳангоме ки панҷ нонро барои панҷ ҳазор нафар пора кардам,
чанд сабад пур аз пораҳо бардоштед?» Ба Ӯ гуфтанд: «Дувоздаҳ»+.
20 «Ва ҳангоме ки ҳафт нонро барои чор ҳазор нафар пора кардам,
чанд сабад пур аз пораҳо бардоштед?» Гуфтанд: «Ҳафт»+.
21 Ба онҳо гуфт: «Пас чаро намефаҳмед?»

## Шифо ёфтани кӯр дар наздикии Байт-Сайдо.

22 Чун ба Байт-Сайдо омад, кӯреро назди Ӯ оварда, зорӣ намуданд,
ки вайро ламс кунад+.
23 Ӯ дасти кӯрро гирифта, вайро аз қасаба берун бурд ва ба
чашмони вай туф карда, дастҳои худро бар вай гузошт ва пурсид: «Оё
чизе мебинӣ?»+
24 Вай назар афканда, гуфт: «Одамонро хиромон чун дарахтон
мебинам».
25 Он гоҳ дастҳояшро бори дигар бар чашмони вай гузошта,
фармуд, ки назар афканад. Вай шифо ёфт ва ҳама чизро ба хубӣ
бидид.
26 Пас вайро ба хонааш фиристода, гуфт: «Дохили қасаба нашав ва
дар он ҷо ба касе нақл нақун».

## Эътирофи Петрус.

27 •Ва Исо бо шогирдонаш ба қасабаҳои Қайсарияи Филиппус рафт.
Дар аснои роҳ аз шогирдонаш пурсид: «Мардум Маро кӣ мегӯянд?»
28 Онҳо ҷавоб доданд: «Мегӯянд, ки Яҳёи Таъмиддиҳандаӣ; баъзе
мегӯянд, ки Ильёсӣ; ва баъзе мегӯянд, ки яке аз пайғамбаронӣ»+.
29 Ӯ ба онҳо гуфт: «Шумо Маро кӣ мегӯед?» Петрус ҷавоб дода,
гуфт: «Ту Масеҳ ҳастӣ»+.

30 Пас ба онҳо таъин кард, ки дар бораи Ӯ ба ҳеҷ кас гап назананд+.

## Исо бори аввал дар бораи уқубатҳои Худ эълон мекунад.

31 •Он гоҳ ба таълими онҳо оғоз намуда, гуфт, ки «Писари Одам
бояд бисьёр азоб кашад ва аз тарафи пирон, саркоҳинон ва
китобдонон рад карда ва кушта шавад ва пас аз се рӯз эҳьё шавад»+.
32 Чун ин суханонро ошкоро мегуфт, Петрус Ӯро ба як сӯ бурда, ба
зътироз кардан шурӯъ намуд+.

## Хизматгузории ҳақиқӣ.

33 Лекин Ӯ баргашта, ба шогирдонаш нигарист ва Петрусро манъ
карда, гуфт: «Эй шайтон, аз Ман дур шав, зеро ту на дар бораи амру
наҳйи Худо, балки аз чизҳои инсонӣ андеша мекунӣ»+.
34 Пас мардумро бо шогирдонаш назди Худ хонда, гуфт. «Ҳар кӣ
хоҳад аз ақиби Ман биёяд, бояд хештанро инкор карда ва салиби
худро бардошта, Маро пайравӣ намояд:+
35 Зеро ҳар кӣ ҷони худро раҳонидан хоҳад, онро барбод медиҳад;
ва ҳар кӣ ҷони худро дар роҳи Ман ва Инҷил барбод диҳад, онро
мераҳонад;+
36 Зеро ба одам чӣ фоида дорад, ки агар вай тамоми дуньёро ба
даст оварад ва ба ҷони худ зиён расонад+?
37 Ё ки одамизод ба ивази ҷони худ чӣ фидияе медиҳад+?
38 Зеро, ҳар кӣ дар ин насли зинокор ва осӣ аз Ман ва аз суханони
Ман шарм кунад, Писари Одам низ, ҳангоме ки бо фариштагони
муқаддас дар ҷалоли Падари Худ меояд, аз вай шарм хоҳад кард»+.

## Дигаргун шудани Худованд.

9 [1] Ва ба онҳо гуфт: «Ба ростӣ ба шумо мегӯям: аз истодагон дар
ин ҷо баъзе ҳастанд, ки то Малакути Худоро, ки бо қудрат меояд,
набинанд, зоиқаи маргро нахоҳанд чашид»+.

[2] •Ва баъд аз шаш рӯз Исо Петрус, Яъкуб ва Юҳанноро ҳамроҳи
Худ бурд ва онҳоро танҳо ба кӯҳи баланде баровард ва дар пеши
назари онҳо дигаргун шуд:+
[3] Либосаш дурахшон ва чун барф бағоят сафед шуд, ки дар рӯи
замин ҳеҷ шустагаре наметавонад чунон сафед кунад+.
[4] Ва Ильёс бо Мусо ба онҳо намоён шуда, бо Исо гуфтугӯ
мекарданд+.
[5] Он гоҳ Петрус ба Исо гуфт: «Эй Устод! Дар ин ҷо будани мо
некӯст; пас се чодар месозем: яке барои Ту, яке барои Мусо ва яке
барои Ильёс».
[6] Зеро намедонист, чӣ гӯяд: чунки ҳаросон буданд.
[7] Ва абре пайдо шуда, бар онҳо соя андохт, ва овозе аз даруни абр
баромад, ки мегуфт: «Ин аст Писари Маҳбуби Ман; Ӯро бишнавед»+.
[8] Баногоҳ, чун ба атрофи худ нигаристанд, касеро ҷуз Исо назди
худ надиданд.
[9] Чун аз кӯҳ мефуромаданд, Исо таъкид намуд, ки то Писари Одам
аз мурдагон эҳьё нашавад, он чи дидаанд, ба касе нагӯянд+.
[10] Ва онҳо ин суханро дар ёд дошта, аз якдигар мепурсиданд, ки аз
мурдагон эҳьё шудан чӣ маънӣ дорад?
[11] Ва аз Ӯ пурсиданд: «Чаро китобдонон мегӯянд, ки Ильёс бояд
аввал биёяд?»
[12] Ӯ ба ҷавоби онҳо гуфт: «Дуруст аст, ки Ильёс бояд аввал биёяд ва
ҳама чизро соз кунад; ва Писари Одам, чунон ки дар бораи Ӯ навишта
шудааст, ранҷи бисьёр бинад ва ҳақир шумурда шавад;+
[13] Лекин ба шумо мегӯям, ки Ильёс ҳам омад ва бо вай он чи
хостанд, карданд, чунон ки дар бораи вай навишта шудааст»+.

## Шифо ёфтани девона.

14 •Чун назди шогирдонаш омад, мардуми бисьёрро гирди онҳо
дид, ва китобдононро, ки бо онҳо мубоҳиса мекарданд.
15 Дарҳол тамоми мардум, чун Ӯро диданд, дар ҳайрат монданд ва
давон-давон омада, ба Ӯ салом доданд.
16 Ӯ аз китобдонон пурсид: «Бо инҳо чӣ мубоҳиса мекунед?»
17 Яке аз байни мардум ба ҷавоб гуфт: «Эй Устод! Писари худро
назди Ту овардам, ки рӯҳе гунг дорад:+
18 Ҳар ҷо, ки вайро бигирад, ба замин мезанад, вай кафк
бароварда, дандонҳо бо ҳам месояд ва карахт мешавад; ба шогирдони
Ту гуфтам, ки онро берун кунанд, натавонистанд».
19 Ӯ ба ҷавоби вай гуфт: «Эй насли беимон! То кай бо шумо бошам?
То ба кай шуморо тоқат кунам? Вайро назди Ман биёред».
20 Вайро назди Ӯ оварданд. Чун Ӯро дид, рӯҳ вайро ба ларза
андохт; вай ба замин афтода ва ғел зада, кафк баровард+.
21 Ва аз падари вай пурсид: «Кай боз ба ин ҳолат гирифтор аст?»
Гуфт: «Аз кӯдакӣ;
22 Борҳо вайро дар оташ ва дар об афканд, то вайро ҳалок кунад;
лекин, агар метавонӣ, ба мо раҳм кун ва ёрӣ расон»+.
23 Исо ба вай гуфт: «Агар имон оварда тавонӣ, барои имондор ҳама
чиз имконпазир аст»+.
24 Дарҳол падари кӯдак фарьёд зада, гирьякунон гуфт: «Имон
меоварам, эй Худованд! Ба беимонии ман мадад кун».
25 Чун Исо дид, ки мардум сӯяш шитоб мекунанд, рӯҳи палидро
мазаммат намуда, гуфт: «Эй рӯҳи гунг ва кар! Ба ту амр мефармоям,
ки аз вай берун рав ва дигар дохили вай нашав».
26 Пас бонг зада, вайро сахт ба ларза андохта, берун рафт; вай
монанди мурда гашт, ба тавре ки бисьёр касон гуфтанд, ки вай
мурдааст+.
27 Лекин Исо дасташро гирифта бархезонд; вай ба по истод+.
28 Ва чун ба хона даромад, шогирдонаш аз Ӯ ба танҳоӣ пурсиданд:
«Чаро мо онро берун карда натавонистем?»
29 Ба онҳо гуфт: «Ин ҷинс ба ҳеҷ ваҷҳ берун намеравад, ҷуз ба дуо
ва рӯза».

## Исо бори дуюм мамот ва эҳёи Худро пешгӯӣ мекунад.

30 •Ва аз он ҷо равона шуда, аз Ҷалил мегузаштанд; ва Ӯ намехост,
ки касе Ӯро бишиносад.
31 Зеро шогирдони Худро таълим дода мегуфт, ки Писари Одам ба
дасти одамон таслим карда хоҳад шуд, ва Ӯро хоҳанд кушт; чун
кушта шуд, пас аз се рӯз эҳьё хоҳад шуд+.
32 Лекин онҳо ин суханро нафаҳмиданд ва тарсиданд, ки аз Ӯ
бипурсанд+.

## Иззатталабии шогирдон.

33 •Ба Кафарнаҳум омад; чун дар хона буд, аз онҳо пурсид: «Дар
роҳ бо якдигар дар чӣ хусус муҳокима мекардед?»+
34 Онҳо хомӯш монданд, чунки дар роҳ бо якдигар муҳокима
мекарданд, ки кист бузургтар.
35 Ӯ нишаста, он дувоздаҳро наздаш хонд ва ба онҳо гуфт: «Ҳар кӣ
мехоҳад нахустин бошад, вопасин ва хизматгори ҳама шавад»+.
36 Пас кӯдакеро гирифта, дар миёни онҳо ба по гузошт ва, дар оғӯш
кашида, ба онҳо гуфт:+
37 «Ҳар кӣ яке аз ин гуна кӯдаконро ба исми Ман кабул кунад, вай
Маро қабул мекунад; ва ҳар кӣ Маро қабул кунад, вай на Маро, балки
Фиристандаи Маро қабул мекунад»+.

## Рашки сохтаи шогирдон.

38 Он гоҳ Юҳанно гуфт: «Эй Устод! Мо касеро дидем, ки ба исми Ту
девҳоро берун мекард, лекин моро пайравӣ намекард, ва мо вайро
манъ кардем, чунки моро пайравӣ намекард»+.
39 Исо гуфт: «Вайро манъ накунед; зеро ҳеҷ касе нест, ки ба исми
Ман мӯъҷиза бинмояду ба зудӣ дар ҳаққи Ман бад гуфта тавонад.
40 Зеро ҳар кӣ зидди мо нест, бо мост+.
41 Ва ҳар кӣ ба исми Ман шуморо, аз он рӯ ки пайрави Масеҳ
ҳастед, косаи обе бинӯшонад, ба ростӣ ба шумо мегӯям, мукофоти
худро зоеъ нахоҳад кард+.

## Огоҳонидан аз васваса.

[42] Ва ҳар кӣ яке аз ин тифлонро, ки ба Ман имон меоваранд, ба
васваса андозад, барои вай беҳтар аст, ки санги осиёе бар гарданаш
овехта, вайро дар баҳр афкананд+.
[43] Ва агар дастат туро ба васваса андозад, онро бибур: барои ту
беҳтар аст, ки маъюб шуда ба ҳаёт дарой, аз ин ки бо ду даст ба дӯзах
равона шавӣ, дар оташе ки хомӯшнашаванда аст,+
[44] Ки дар он ҷо кирми онҳо намемирад, ва оташ хомӯш намешавад.
[45] Ва агар поят туро ба васваса андозад, онро бибур: барои ту
беҳтар аст, ки ланг шуда ба ҳаёт дарой, аз ин ки бо ду по дар дӯзах
андохта шавӣ, дар оташе ки хомӯшнашаванда аст,
[46] Ки дар он ҷо кирми онҳо намемирад, ва оташ хомӯш намешавад.
[47] Ва агар чашмат туро ба васваса андозад, онро бикан: барои ту
беҳтар аст, ки якчашма шуда ба Малакути Худо дарой, аз ин ки бо ду
чашм дар оташи дӯзах андохта шавӣ,+
[48] Ки дар он ҷо кирми онҳо намемирад, ва оташ хомӯш намешавад.
[49] Зеро ҳар кас бо оташ намакин хоҳад шуд, ва ҳар курбон бо намак
намакин хоҳад шуд.
[50] Намак хуб аст; лекин агар намак шӯр набошад, бо чӣ шумо онро
ислоҳ мекунед? Пас дар худ намак бидоред, ва бо якдигар муросо
кунед»+.

## Қонуни Исо дар бораи талоқ.

**10** [1] •Аз он ҷо баромада, ба он сӯи Урдун, ба худуди Яҳудо омад.
Боз мардум назди Ӯ шитофтанд; ва Ӯ, аз рӯи одаташ, боз онҳоро
таълим медод.
[2] Фарисиён наздик омада ва Ӯро озмуданӣ шуда, пурсиданд: «Оё
ҷоиз аст, ки мард зани худро талоқ диҳад?»
[3] Ба ҷавоби онҳо гуфт: «Мусо ба шумо чӣ фармудааст?»
[4] Гуфтанд: «Мусо иҷозат додааст, ки талоқномае навишта ҷудо
шаванд»+.
[5] Исо ба ҷавоби онҳо гуфт: «Ба сабаби дилсахтии шумо ин ҳукмро
барои шумо навиштааст;
[6] Лекин аз ибтидои офариниш Худо онҳоро марду зан офарид+.
[7] Аз ин сабаб мард падару модари худро тарк карда, бо зани худ
мепайвандад,+
[8] Ва ҳар ду як тан мешаванд, ба тавре ки онҳо акнун ду тан не,
балки як тан мебошанд.
[9] Пас он чиро, ки Худо ба ҳам пайвастааст, одам набояд ҷудо
кунад»+.
[10] Дар хона шогирдонаш боз дар ин бора аз Ӯ пурсиданд.
[11] Ӯ ба онҳо гуфт: «Ҳар кӣ зани худро талоқ дода, дигареро никоҳ
кунад, дар ҳаққи вай зино карда бошад;
[12] Ва агар зане аз шавҳари худ ҷудо шуда, ба никоҳи дигаре дарояд,
низ зино карда бошад»+.

## Исо кӯдаконро дуои хайр мекунад.

[13] •Кӯдаконро назди Ӯ меоварданд, то ки онҳоро ламс кунад;
лекин шогирдон ба оварандагон монеъ мешуданд.
[14] Чун Исо дид, дарғазаб шуда, гуфт: «Кӯдаконро бигзоред, ки
назди Ман оянд, ва ба онҳо монеъ нашавед, зеро Малакути Худо ба
чунин касон тааллуқ дорад.
[15] Ба ростӣ ба шумо мегӯям: ҳар кӣ Малакути Худоро монанди
кӯдак қабул накунад, ба он дохил намешавад»+.
[16] Ва онҳоро ба оғӯш кашид ва даст бар онҳо ниҳода, дуои хайр
кард+.

## Исо ва ҷавони сарватдор.

17 •Вақте ки ба роҳ мебаромад, касе назди Ӯ шитофта, зону бар
замин зад ва пурсид: «Эй Устоди некӯ, чӣ кунам, то вориси ҳаёти
ҷовидонӣ шавам?»+
18 Исо ба вай гуфт: «Чаро Маро некӯ мегӯӣ? Ҳеҷ кас некӯ нест, ҷуз
Худон ягона+.
19 Аҳкомро медонӣ: „Зино накун; қатл накун; дуздӣ накун;
шаҳодати бардурӯғ надеҳ; озор надеҳ; падару модаратро ҳурмат
кун“»+.
20 Вай ба ҷавоби Ӯ гуфт: «Эй Устод! Ҳамаи инро ман аз кӯдакӣ
нигоҳ доштаам»+.
21 Исо ба вай нигариста, дӯст дошт ва гуфт: «Туро як чиз
намерасад: бирав, ҳар он чи дорӣ, бифурӯш ва ба мискинон бидеҳ, ва
дар осмон ганҷе хоҳӣ ёфт; ва омада, салиб бардор ва Маро пайравӣ
кун»+.
22 Лекин вай аз ин сухан ошуфта ва ғамгин шуда, рафт, чунки молу
мулки бисьёр дошт.

## Ба Малакути Худо даромадани сарватдорон душвор аст.

23 Исо ба гирду пеш нигариста, ба шогирдонаш гуфт: «Ба Малакути
Худо даромадани сарватдорон чӣ гуна душвор аст!»+
24 Шогирдон аз суханони Ӯ дар ҳайрат шуданд. Исо боз ба ҷавоби
онҳо гуфт: «Эй фарзандон! Ба онҳое ки умеди сарват доранд,
даромадан ба Малакути Худо чӣ гуна душвор аст!
25 Аз сӯрохи сӯзан гузаштани шутур осонтар аст аз он ки сарватдор
ба Малакути Худо дохил шавад».
26 Онҳо бағоят дар ҳайрат шуда, ба якдигар мегуфтанд: «Пас кӣ
метавонад наҷот ёбад?»
27 Исо ба онҳо нигоҳ карда, гуфт: «Ба одамизод ин ғайриимкон аст,
лекин на ба Худо; зеро ки ба Худо ҳама чиз имконпазир аст»+.

## Мукофоти шогирдон.

28 Он гоҳ Петрус ба Ӯ гуфт: «Инак, мо ҳама чизро тарк карда, Туро
пайравӣ намудаем»+.

29 Исо ба ҷавоб гуфт: «Ба ростӣ ба шумо мегӯям: касе нест, ки хона,
ё бародарон, ё хоҳарон, ё падар, ё модар, ё зан, ё фарзандон, ё
амлокро аз баҳри Ман ва Инҷил тарк кунаду+
30 Алҳол, дар ин замон, дар миёни таъқибот, сад чандон хонаҳо ва
бародарон ва хоҳарон ва падарон ва модарон ва фарзандон ва амлок
ва дар олами оянда хаёти ҷовидонӣ наёбад;+
31 Лекин басо аввалин, ки охирин хоҳанд шуд, ва охирин —
аввалин»+.

## Исо бори сеюм мамот ва эҳъёи Худро пешгӯӣ мекунад.

32 •Чун дар роҳи сӯи Ерусалим буданд, Исо пешопеши онҳо
мерафт, ва онҳо дар ҳайрат буданд, ва чун аз ақиби Ӯ мерафтанд,
ҳаросон мешуданд. Ва Ӯ он дувоздаҳро назди Худ хонда, боз ба
гуфтани он чи ба сараш меояд, оғоз намуд:
33 «Инак мо сӯи Ерусалим меравем, ва Писари Одам ба дасти
саркоҳинон ва китобдонон таслим карда хоҳад шуд, ва Ӯро ба марг
маҳкум кунанду ба дасти ғайрияҳудиён таслим кунанд;
34 Ва Ӯро тамасхур кунанд, тозиёна зананд, туфборон кунанд,
бикушанд; ва дар рӯзи сеюм эҳъё шавад»+.

## Хоҳиши иззатталабонаи писарони Забдой.

35 •Он гоҳ Яъқуб ва Юҳанно, ду писари Забдой, назди Ӯ омада,
гуфтанд: «Эй Устод! Мехоҳем, он чи аз Ту хоҳиш кунем, барои мо
бикунӣ»+.
36 Ба онҳо гуфт: «Чӣ мехоҳед, ки барои шумо бикунам?»
37 Онҳо ба Ӯ гуфтанд: «Ба мо лутф намо, ки яке дар тарафи ростат
ва дигаре дар тарафи чапат дар ҷалоли Ту биншинем»+.
38 Исо ба онҳо гуфт: «Шумо намефаҳмед, ки чӣ мехоҳед; оё
метавонед он косаеро, ки Ман менӯшам, бинӯшед ва таъмидеро, ки
Ман меёбам, биёбед?»+
39 Онҳо ба ҷавоб гуфтанд: «Метавонем». Аммо Исо ба онҳо гуфт:
«Косаеро, ки Ман менӯшам, хоҳед нӯшид ва таъмидеро, ки Ман
меёбам, хоҳед ёфт;+
40 Лекин имконияти дар тарафи росту чапи Ман нишастанатон дар
дасти Ман нест, ки бидиҳам; ҷуз онҳое ки барояшон муҳайё шуда

бошад».
41 Ва он даҳ нафар, чун инро шуниданд, аз Яъқуб ва Юҳанно
норозӣ шуданд.
42 Аммо Исо онҳоро назди Худ хонда гуфт: «Шумо медонед, ононе
ки мири халқҳо ба шумор мераванд, бар онҳо ҳукмронӣ мекунанд, ва
акобирашон бар онҳо фармонраво мешаванд;
43 Лекин дар миёни шумо набояд ин тавр шавад: балки ҳар кӣ дар
байни шумо хоҳад бузург бошад, хизматгори шумо шавад;+
44 Ва ҳар кӣ хоҳад дар байни шумо нахустин бошад, ғуломи ҳама
шавад;
45 Зеро Писари Одам низ на барои он омад, ки ба Ӯ хизмат кунанд,
балки барои он ки хизмат кунад ва ҷони Худро барои фидияи бисьёр
касон бидиҳад»+.

## Бартимаи кӯр бино шуд.

46 •Ба Ериҳӯ омаданд. Вақте ки Ӯ бо шогирдонаш ва мардуми
бисьёр аз Ериҳӯ мебаромад, Бартимай ибни Тимай ном кӯре дар
канори роҳ нишаста, садақа мепурсид+.
47 Чун шунид, ки ин Исои Носирист, фарьёдкунон гуфт: «Эй Исо,
Писари Довуд! Ба ман раҳм кун»+.
48 Бисьёр касон вайро ба хомӯш шудан водор мекарданд; лекин
вай боз ҳам бештар фарьёд мезад: «Эй Писари Довуд! Ба ман раҳм
кун».
49 Исо истода, фармуд, ки вайро бихонанд. Онҳо кӯрро хонда,
гуфтанд: «Осуда бош, бархез, ки туро мехонад».
50 Вай ҷомаи худро кашида, бархосту назди Исо омад.
51 Исо ба вай ҷавоб гардонда, гуфт: «Чӣ мехоҳӣ, ки барои ту
бикунам?» Кӯр ба Ӯ гуфт: «Эй Устод! Мехоҳам бино шавам».
52 Исо ба вай гуфт: «Бирав, ки имонат туро шифо бахшид». Вай
дарҳол бино гашта, аз ақиби Исо дар роҳ равона шуд+.

## Ба Ерусалим бо тантана ворид шудани Исо.

11 1 •Чун наздики Ерусалим, ба Байт-Фоҷӣ ва Байт-Ҳинӣ, бар
кӯҳи Зайтун расиданд, Ӯ ду шогирди Худро фиристода,+
2 Ба онҳо гуфт: «Ба ин деҳа, ки рӯ ба рӯи шумост, биравед; чун
даромадед, харкурраеро баста меёбед, ки ҳанӯз касе бар он савор
нашудааст; онро воз карда, ин ҷо биёред;
3 Ва агар касе ба шумо гӯяд: „Чаро чунин мекунед?“, ба ҷавобаш
бигӯед, ки Худованд ба он эҳтиёҷ дорад; ва дарҳол онро ба ин ҷо
мефиристад».
4 Онҳо рафта, курраро ёфтанд, ки дар кӯча назди дарвозае бастагӣ
буд; ва онро воз карданд.
5 Баъзе касоне ки дар он ҷо истода буданд, ба онҳо гуфтанд: «Чӣ
кор доред, ки курраро воз мекунед?»
6 Ба ҷавоби онҳо он чиро гуфтанд, ки Исо фармуда буд; ва онҳоро
ба ҳоли худ гузоштанд.
7 Ва курраро назди Исо оварда, ҷомаҳои худро бар он афканданд,
то бар он савор шуд.
8 Бисьёр касон ҷомаҳои худро бар роҳ густурданд, ва дигарон
шохаҳои дарахтонро бурида, бар роҳ густурданд+.
9 Ва онҳое ки аз пеш ва аз пас равона буданд, хитоб мекарданд;
«Ҳӯшаъно!
Муборак аст Он ки ба исми Худованд меояд!
10 Муборак аст малакути падари мо Довуд,
ки ба исми Худованд меояд!
Ҳӯшаъно дар арши аъло!»+
11 Ва Исо вориди Ерусалим шуда, ба маъбад даромад; ва ҳама
чизро аз назар гузаронд, ва чун рӯз бевақт шуда буд, бо он дувоздаҳ
ба Байт-Ҳинӣ рафт.

## Дарахти анҷири бемева.

12 •Рӯзи дигар, чун аз Байт-Ҳинӣ берун омаданд, гурусна монд;+
13 Ва аз дур дарахти анҷирро, ки барг дошт, дида, омад, то шояд
чизе бар он биёбад; чун наздик шуд, ҷуз баргҳо чизе наёфт, зеро ки
мавсими анҷир ҳанӯз нарасида буд+.

14 Ва Исо ба он гуфт: «Пас аз ин то абад касе аз ту мева нахӯрад». Ва
шогирдонаш инро шуниданд.

## Пок кардани маъбад.

15 •Ба Ерусалим омаданд. Исо ба маъбад даромада, ба пеш кардани
онҳое ки дар маъбад харидуфурӯш мекарданд, оғоз намуд; мизҳои
саррофон ва курсиҳои кафтарфурӯшонро чаппа кард;+
16 Ва нагузошт, ки касе чизеро аз миёни маъбад бардошта гузарад.
17 Ва онҳоро таълим дода, мегуфт: «Оё навишта нашудааст, ки
„хонаи Ман хонаи ибодати ҳамаи халқҳо номида хоҳад шуд“? Аммо
шумо онро ба дуздхона мубаддал кардаед»+.
18 Чун китобдонон ва саркоҳинон шуниданд, дар тараддуди он
шуданд, ки чӣ тавр Ӯро ба ҳалокат расонанд; зеро аз Ӯ метарсиданд,
чунки тамоми мардум аз таълимоти Ӯ дар ҳайрат буданд+.
19 Чун рӯз бевақт шуд, Ӯ аз шаҳр берун рафт+.

20 •Бомдодон, вақте ки мегузаштанд, дарахти анҷирро диданд, ки
то реша хушк шудааст.
21 Ва Петрус ба ёд оварда, гуфт: «Эй Устод! Инак дарахти анҷире ки
нафрин кардаӣ, хушк шудааст».

## Дуои имон.

22 Исо ба ҷавоби онҳо гуфт:
23 «Ба Худо имон оваред. Зеро ба ростӣ ба шумо мегӯям: ҳар кӣ ба
ин кӯҳ гӯяд: „Бархоста, худро дар баҳр афкан“, ва дар дили худ шак
надошта бошад, балки яқин дорад, ки он чи гӯяд мешавад, — ҳар чӣ
гӯяд ба вай ато хоҳад шуд+.
24 Бинобар ин ба шумо мегӯям: ҳар чӣ дар дуо хоҳиш мекунед,
яқин бидонед, ки онро пайдо хоҳед кард, — ва ба шумо ато хоҳад
шуд+.
25 Ва ҳангоме ки дар дуо меистед, агар аз касе ранҷу озоре кашида
бошед, гуноҳи вайро афв намоед, то ки Падари шумо низ, ки дар
осмон аст, гуноҳҳои шуморо биомурзад;+
26 Аммо агар афв накунед, Падари шумо низ, ки дар осмон аст,
гуноҳҳои шуморо наомурзад».

## Масъалаи қудрати Исо.

27 •Боз ба Ерусалим омаданд. Ва ҳангоме ки Ӯ дар маъбад мегашт,
саркоҳинон, китобдонон ва пирон назди Ӯ омада,
28 Гуфтанд: «Бо кадом қудрат ин корҳоро мекунӣ? Ва кист, ки ин
қудратро ба Ту додааст, то ин корҳоро кунӣ?»+
29 Исо ба ҷавоби онҳо гуфт: «Ман ҳам аз шумо чизе мепурсам, ба
Ман ҷавоб диҳед; он гоҳ Ман ҳам ба шумо хоҳам гуфт, ки бо кадом
қудрат ин корҳоро мекунам;
30 Таъмиди Яҳьё аз осмон буд, ё аз инсон? Ба Ман ҷавоб диҳед»+.
31 Аммо онҳо дар дили худ андеша мекарданд: «Агар гӯем, ки „аз
осмон буд“, Ӯ бигӯяд: „Пас чаро ба вай имон наовардед?“+
32 Ва агар гӯем, ки „аз инсон буд“» — аз мардум метарсиданд; зеро
ки ҳама Яҳьёро набии барҳақ медонистанд+.
33 Ба Исо ҷавоб дода гуфтанд: «Намедонем». Исо ҳам ба ҷавоби
онҳо гуфт: «Ман ҳам ба шумо намегӯям, ки бо кадом кудрат ин
корҳоро мекунам».

## Масал дар бораи токдорони бадкор.

12 [1] •Пас бо масалҳо ба онҳо оғози сухан намуда, гуфт: «Касе
ток шинонд, деворе гирдаш кашид, чархуште сохт, бурҷе барпо
кард ва онро ба токдорон супурду ба сафар рафт+.
[2] Чун мавсим расид, хизматгореро назди токдорон фиристод, то
аз меваи токзор аз токдорон бигирад,
[3] Лекин онҳо вайро дошта заданд ва тиҳидаст равона карданд.
[4] Боз хизматгори дигарро назди онҳо фиристод; вайро низ
сангборон карда, сарашро кафонданд ва дашном дода пеш карданд.
[5] Боз як нафари дигарро фиристод: вайро куштанд; ва бисьёр
касони дигарро — баъзеро заданд ва баъзеро куштанд+.
[6] Як писари азизаш буд, ва дар охир вайро низ назди онҳо
фиристода, дар дили худ гуфт: „Аз писарам шарм хоҳанд дошт“+.
[7] Лекин токдорон ба якдигар гуфтанд: „Ин ворис аст; биёед, вайро
бикушем, то мерос аз они мо гардад“+.
[8] Вайро дастгир карда, куштанд ва аз токзор берун бароварда
партофтанд+.
[9] Пас соҳиби токзор чӣ хоҳад кард? Омада, токдоронро ба марг
маҳкум хоҳад кард ва токзорро ба дигарон хоҳад супурд+.
[10] Магар ин Навиштаро нахондаед:
„Санге ки меъморон рад карданд,
санги сари гӯшаи бино гардид:
[11] Ин аз ҷониби Худованд шуд
ва дар назари мо ҳайратангез аст“?»+
[12] Ва хостанд Ӯро дастгир кунанд, лекин аз мардум тарсиданд;
зеро донистанд, ки ин масалро дар ҳаққи онҳо гуфта буд; пас Ӯро
вогузошта рафтанд+.

## Масъалаи хироҷ.

[13] •Ва чанд нафар аз фарисиён ва ҳиродиёнро назди Ӯ
фиристоданд, то Ӯро аз суханаш афтонанд+.
[14] Онҳо омада, ба Ӯ гуфтанд: «Эй Устод! Медонем, ки Ту ҳақгӯй
ҳастӣ ва аз касе парвое надорӣ, зеро ҳеҷ рӯбинӣ намекунӣ, балки

роҳи Худоро ба ростӣ таълим медиҳӣ; оё ба қайсар ҷизья додан ҷоиз
аст ё не? Бидиҳем ё надиҳем?»+
15 Аммо Ӯ риёкории онҳоро дарьёфта, гуфт: «Чаро Маро меозмоед?
Диноре ба Ман биёред, то онро бубинам»+.
16 Онҳо оварданд. Он гоҳ ба онҳо гуфт: «Ин сурат ва рақам аз они
кист?» Онҳо ба Ӯ гуфтанд: «Аз они қайсар».
17 Исо ба ҷавоби онҳо гуфт: «Он чи аз они қайсар аст, ба қайсар
диҳед, ва он чи аз они Худост — ба Худо». Ва аз ҷавоби Ӯ дар ҳайрат
монданд+.

## Дар бораи эҳьёи мурдагон.

18 •Ва саддуқиён, ки мункири қиёмат ҳастанд, назди Ӯ омада,
пурсиданд:+
19 «Эй Устод! Мусо ба мо навиштааст: „Агар бародари касе
бимирад ва зане аз худ гузошта ва фарзанде надошта бошад, бояд
бародараш зани вайро ба никоҳи худ дароварад, ва барои бародари
худ насле ба вуҷуд оварад“+.
20 Ҳафт бародар буданд: яке зан гирифта, мурд ва фарзанде
нагузошт;
21 Вайро дуюмин ба занӣ гирифта, мурд ва фарзанде нагузошт;
сеюм низ ҳамчунин.
22 Ҳамаи он ҳафт вайро гирифтанд ва насле нагузоштанд. Баъд аз
ҳама зан низ мурд.
23 Пас, дар қиёмат, ки ҳама эҳьё хоҳанд шуд, вай зани кадоми онҳо
мешавад? Зеро ки ҳар ҳафт вайро ба занӣ гирифта буданд».
24 Исо ба ҷавоби онҳо гуфт: «Магар гумроҳ нестед аз он рӯ, ки на
Навиштаҳоро медонед, на қудрати Худоро?
25 Зеро, ҳангоме ки аз мурдагон эҳьё мешаванд, на зан мегиранд
ва на ба шавҳар мераванд, балки монанди фариштагон дар осмон
мебошанд.
26 Аммо дар бораи мурдагон, ки эҳьё мешаванд, магар дар китоби
Мусо нахондаед, ки чӣ сон Худо дар назди бутта ба вай гуфт: „Манам
Худои Иброҳим ва Худои Исҳоқ ва Худои Яъқуб“+?
27 Вай на Худои мурдагон аст, балки Худои зиндагон. Пас шумо
басе гумроҳ шудаед».

## Аҳкоми бузургтарин.

28 •Яке аз китобдонон, чун мубоҳисаи онҳоро шунида, дид, ки ба
онҳо ҷавоби некӯ дод, пеш омада, аз Ӯ пурсид: «Аввалини ҳамаи
аҳком кадом аст?»
29 Исо ба вай ҷавоб дод: «Аввалини аҳком ин аст: „Бишнав, эй
Исроил! Худованд Худои мо Худованди ягона аст;
30 Ва Худованд Худои худро бо тамоми дили ту ва бо тамоми ҷони
ту ва бо тамоми ҳуши ту ва бо тамоми қуввати ту дӯст бидор“;
аввалин аҳком ҳамин аст!+
31 Ва дуюмаш монанди он аст: „Ёри худро мисли худ дӯст бидор“;
хукми дигаре бузургтар аз инҳо нест»+.
32 Китобдон ба Ӯ гуфт: «Офарин, эй Устод! Ту рост гуфтӣ, ки Худо
ягона аст ва ҷуз Ӯ дигаре нест;+
33 Ва Ӯро бо тамоми дил ва бо тамоми идрок ва бо тамоми қувват
дӯст доштан ва ёри худро мисли худ дӯст доштан аз ҳамаи
курбониҳои сӯхтанӣ ва ҳадияҳо афзалтар аст»+.
34 Чун Исо дид, ки вай оқилона ҷавоб дод, ба вай гуфт: «Ту аз
Малакути Худо дур нестӣ». Пас аз он касе ҷуръат накард, ки аз Ӯ чизе
пурсад+.

## Исо — ҳам писари Довуд ва ҳам Худованди Довуд.

35 •Ва ҳангоме ки Исо дар маъбад таълим медод, савол дода, гуфт:
«Чӣ сон китобдонон мегӯянд, ки Масеҳ писари Довуд аст+?
36 Ва ҳол он ки худи Довуд бар тибқи Рӯҳулқудс мегӯяд:
„Худованд ба Худованди ман гуфт:
«Ба ямини Ман бинишин,
то душманони Туро зери пои Ту андозам»“+.
37 Инак худи Довуд Ӯро Худованд меномад: пас чӣ сон Ӯ писари
вай будааст?» Ва мардуми бисьёр каломи Ӯро бо хушнӯдӣ
мешуниданд+.

## Риёкории китобдонон.

38 •Ва Ӯ онҳоро таълим дода, мегуфт: «Аз китобдонон ҳазар кунед,
ки дӯст медоранд ҷомаҳои дароз пӯшида гарданд, ва дар бозорҳо
табрик бишнаванд,

39 Ва дар курсиҳои аввали куништҳо ҷой бигиранд ва дар зиёфатҳо
болонишин шаванд;+
40 Онҳо, ки хонаҳои бевазанонро фурӯ мебаранд ва барои намуд
дуоро тӯл медиҳанд, аз ҳама сахттар маҳкум хоҳанд шуд».

## Фулуси бевазан.

41 •Ва Исо дар муқобили ганҷина нишаста нигоҳ мекард, ки чӣ сон
мардум ба ганҷина пул меандозанд. Аксари сарватдорон бисьёр
меандохтанд+.
42 Ва бевазани камбағале омада, ду фулус андохт, ки ним тин
мешавад.
43 Пас шогирдонашро пеши Худ хонда, гуфт: «Ба ростӣ ба шумо
мегӯям, ки ин бевазани камбағал аз ҳамаи ононе ки ба ганҷина
андохтанд, бештар дод;
44 Зеро ҳама аз зиёдатии худ доданд, лекин вай аз камбағалии худ
ҳар чӣ дошт, андохт, яъне тамоми нафақаи худро дод»+.

## Дар бораи омадани Исо.

## Заволи маъбад.

13 [1] •Чун Исо аз маъбад мебаромад, яке аз шогирдонаш ба Ӯ
гуфт: «Эй Устод! Бингар, чӣ навъ сангҳо ва чӣ навъ
иморатҳост!»
[2] Исо ба ҷавоби вай гуфт: «Ин иморатҳои бузургро мебинӣ? Ҳамаи
ин хароб хоҳад шуд, ба дараҷае ки санге бар санге нахоҳад монд»+.
[3] Ва чун Ӯ бар кӯҳи Зайтун дар муқобили маъбад нишаста буд,
Петрус, Яъқуб, Юҳанно ва Андриёс ба танҳоӣ аз Ӯ пурсиданд:
[4] «Моро огоҳ кун, ки ин кай воқеъ мешавад, ва аломати рӯй
додани ҳамаи ин чӣ гуна аст?»
[5] Он гоҳ Исо дар ҷавоби онҳо ба гуфтан оғоз намуд: «Ҳушьёр
бошед, ки касе шуморо гумроҳ накунад;+
[6] Зеро бисьёр касон бо номи Ман омада, гӯянд, ки ин Ман ҳастам,
ва мардуми бисьёрро гумроҳ кунанд+.
[7] Аммо чун ҷангҳо ва овозаи ҷангҳоро бишнавед, натарсед: зеро
ин бояд воқеъ шавад; лекин ин ҳанӯз интиҳо нест+.
[8] Зеро қавме бар зидди қавме ва салтанате бар зидди салтанате
қиём хоҳад кард; ва дар ҳар ҷо зилзилаҳо рӯй хоҳад дод, ва қаҳтиҳо
ва ошӯбҳо падид хоҳад омад. Инҳо ибтидои дардҳост+.
[9] Лекин шумо худро эҳтиёт кунед; зеро шуморо ба маҳкамаҳо
хоҳанд кашид, ва дар куништҳо тозиёна хоҳанд зад, ва шуморо назди
ҳокимону подшоҳон ба хотири Ман ҳозир хоҳанд кард, то барои онҳо
шаҳодате гардад+.
[10] Ва лозим аст, ки Инҷил аввал дар байни тамоми ҳалқҳо мавъиза
карда шавад+.
[11] Чун шуморо барои таслим кардан гирифта баранд, пешакӣ
ғамхорӣ ва андеша накунед, ки чӣ бояд бигӯед; балки он чи дар он
соат ба шумо ато шавад, онро бигӯед: зеро гӯянда шумо нестед, балки
Рӯҳулқудс аст+.
[12] Он гоҳ бародар бародарро ва падар фарзандро ба марг таслим
хоҳад кард; ва фарзандон бар зидди падарону модарон қиём карда,
онҳоро ба ҳалокат хоҳанд расонд+.

13 Ва ҳама аз барои исми Ман ба шумо адоват хоҳанд дошт; лекин
ҳар кӣ то охир сабр кунад, наҷот хоҳад ёфт+.

## Мусибати бузург.

[14] •Чун кароҳати харобиро, ки Дониёли набӣ ба забон овардааст,
дар ҷое ки намебояд, бар по бубинед, — ҳар кӣ хонад, дарк кунад, —
он гоҳ онҳое ки дар Яҳудо мебошанд, ба кӯҳистон гурезанд;+
[15] Ва ҳар кӣ бар бом бошад, поён нафурояд ва барои гирифтани
чизе ба хонаи худ надарояд;+
[16] Ва он ки дар киштзор аст, барои гирифтани ҷомаи худ
барнагардад.
[17] Вой бар ҳоли ҳомиладорон ва ширдорон дар он айём!+
[18] Дуо кунед, ки гурехтани шумо дар зимистон рӯй надиҳад.
[19] Зеро дар он айём чунон мусибате хоҳад шуд, ки аз ибтидои
офариниш, ки Худо офарид, то ҳол нашудааст ва бори дигар нахоҳад
шуд+.
[20] Ва агар Худованд он айёмро кӯтоҳ намекард, касе наҷот
намеёфт; лекин аз барои баргузидагоне ки Ӯ интихоб намудааст, он
айёмро кӯтоҳ кардааст+.
[21] Дар он ҳангом агар касе ба шумо гӯяд: „Инак Масеҳ дар ин ҷост“,
ё „дар он ҷост“, — бовар накунед+.
[22] Зеро масеҳони козиб ва анбиёи козиб ба майдон омада, аломот
ва мӯъҷизот нишон хоҳанд дод, то ки, агар мумкин бошад,
баргузидагонро низ гумроҳ кунанд+.
[23] Лекин шумо ҳушьёр бошед; инак, Ман ҳамаашро ба шумо
пешакӣ гуфтам+.

## Омадани Писари Одам.

[24] •Лекин дар он айём, пас аз он мусибат, офтоб хира шавад ва моҳ
рӯшноии худро надиҳад+.
[25] Ва ситорагон аз осмон фурӯ резанд, ва қувваҳои афлок
мутазалзил шаванд+.
[26] Он гоҳ Писари Одамро бинанд, ки бо қудрат ва ҷалоли азим бар
абрҳо меоянд+.
[27] Ва он гоҳ Ӯ фариштагони Худро фиристода, баргузидагони
Худро аз чор ҷониб, аз канори замин то канори осмон фароҳам хоҳад
оварад+.

## Масал дар бораи дарахти анҷир.

28 •Акнун аз дарахти анҷир мисол гиред; чун шохааш нарм шуда,
барг оварад, медонед, ки тобистон наздик аст;
29 Ҳамчунин шумо чун дидед, ки ин чизҳо воқеъ шудааст,
бидонед, ки наздик аст, назди дар аст.
30 Ба ростӣ ба шумо мегӯям: ин насл ҳанӯз аз олам нагузашта,
ҳамаи ин чизҳо воқеъ хоҳад шуд+.
31 Осмон ва замин гузарон аст, лекин каломи Ман гузарон нест+.
32 •Аммо он рӯз ва соатро, ғайр аз Падар, касе намедонад, на
фариштагони осмон, на Писар+.
33 Пас, барҳазар ва бедор бошед ва дуо гӯед; зеро намедонед, ки он
вақт кай фаро мерасад+.

## Дар интизори омадани Худованд бедор бошед.

34 Монанди касе ки ба сафар рафта ва хонаи худро тарк карда, ба
хизматгорони худ ихтиёр дод ва барои ҳар яке шуғли хосе муқаррар
намуд ва дарбонро фармуд, ки бедор бошад+.
35 Пас, бедор бошед; зеро намедонед, ки соҳиби хона кай меояд,
дар шом, ё ними шаб, ё ҳангоми бонги хурӯс, ё бомдодон;+
36 Мабодо ногаҳон омада, шуморо хуфта ёбад+.
37 Аммо он чи ба шумо мегӯям, ба ҳама мегӯям: „Бедор бошед“».

## Суиқасд ба муқобили Исо.

14 [1] •То иди фисҳ ва фатир ду рӯз монда буд; саркоҳинон ва
китобдонон дар тараддуди он буданд, ки чӣ сон бо ҳила Ӯро
дастгир карда, ба қатл расонанд;+
[2] Лекин мегуфтанд: «На дар ид, мабодо дар байни мардум ошӯбе
рӯй диҳад».

## Марьями сокини Байт-Ҳинӣ бар Исо равғани атрафшон merезад.

[3] •Ва ҳангоме ки Ӯ дар Байт-Ҳинӣ, дар хонаи Шимъӯни махавӣ
назди суфра нишаста буд, — зане бо зарфи гаҷини равғани
атрафшони сунбули холиси гаронбаҳо омад ва зарфро шикаста, бар
сари Ӯ рехт+.
[4] Баъзе касон норозӣ шуда, дар байни худ гуфтанд: «Чаро ин
равғани атрафшон талаф шуд?
[5] Зеро онро ба зиёда аз сесад динор фурӯхта, ба мискинон тақсим
карда додан мумкин буд». Ва он занро сарзаниш карданд.
[6] Лекин Исо гуфт: «Вайро ором гузоред; чаро вайро хиҷил
мекунед? Вай барои Ман коре некӯ кард.
[7] Зеро мискинон ҳар вақт дар назди шумо ҳастанд ва ҳар гоҳ, ки
бихоҳед, ба онҳо зҳсон карда метавонед; лекин Ман ҳамеша бо шумо
нестам+.
[8] Вай он чи метавонист, ба ҷо овард: Бадани Маро барои дафн
пешакӣ тадҳин кард+.
[9] Ба ростӣ ба шумо мегӯям: дар тамоми ҷаҳон ҳар ҷо, ки Инҷил
мавъиза шавад, кори вай низ барои ёдоварии вай зикр хоҳад ёфт»+.

## Паймони таслимкунанда бо саркоҳинон.

[10] •Ва Яҳудои Исқарьют, ки яке аз он дувоздаҳ буд, пеши
саркоҳинон рафт, то ки Ӯро ба онҳо таслим кунад+.
[11] Онҳо чун сухани вайро шуниданд, шод гаштанд ва ба вай пул
доданӣ шуданд. Вай дар ҷустуҷӯи фурсати мувофиқ буд, ки Ӯро
таслим кунад.

## Фисҳи охирин.

12 •Дар рӯзи аввали иди фатир, ки барои фисҳ курбонӣ мекарданд,
шогирдонаш ба Ӯ гуфтанд: «Куҷо мехоҳӣ, ки фисҳро бихӯрӣ, то
рафта тайёр кунем?»+
13 Пас ду нафарро аз шогирдонаш фиристода, ба онҳо гуфт: «Ба
шаҳр биравед; марде ба шумо рост хоҳад омад, ки кӯзаи обро
бардошта мебарад; аз ақиби вай равона шавед,
14 Ба куҷое ки дарояд, ба соҳиби хона гӯед: „Устод мегӯяд:
меҳмонхона куҷост, ки он ҷо фисҳро бо шогирдони Худ бихӯрам?“
15 Вай ба шумо болохонаи калони мафрушу тайёрро нишон
медиҳад; дар он ҷо барои мо тайёрӣ бинед».
16 Шогирдонаш равона шуда, ба шаҳр омаданд ва, чунон ки Ӯ гуфта
буд, ёфтанд; ва фисҳро омода карданд.

## Фисҳ.

17 Бегоҳи рӯз Ӯ бо он дувоздаҳ омад.
18 Ва ҳангоме ки нишаста таом мехӯрданд, Исо гуфт: «Ба ростӣ ба
шумо мегӯям, ки яке аз шумоён, ки бо Ман таом мехӯрад, Маро
таслим хоҳад кард»+.
19 Онҳо ғамгин шуда, паси ҳамдигар ба Ӯ гуфтанд: «Оё он манам?»
Ва дигаре: «Оё он манам?»
20 Лекин Ӯ ба ҷавоби онҳо гуфт: «Яке аз дувоздаҳ, ки бо Ман даст
дар табақ меандозад.
21 Агарчи Писари Одамончунон, ки дар бораи Ӯ навишта шудааст,
меравад, лекин вой бар ҳоли он касе ки Писари Одам ба воситаи вай
таслим карда шавад: барои вай беҳтар мебуд, ки таваллуд
намеёфт»+.

## Таоми шоми муқаддас.

22 •Ва ҳангоме ки таом мехӯрданд, Исо нонро гирифта, баракат
дод ва пора карда, ба онҳо доду гуфт: «Бигиред ва бихӯред, ки ин
Бадани Ман аст»+.
23 Ва косаро гирифта, шукргузорӣ намуд ва ба онҳо дод; ва ҳама аз
он нӯшиданд.

24 Ва ба онҳо гуфт: «Ин аст Хуни Ман аз аҳди ҷадид, ки барои
бисьёр касон рехта мешавад+.
25 Ба ростӣ ба шумо мегӯям: Ман дигар аз шираи ангур нахоҳам
нӯшид, то ҳамон рӯзе ки дар Малакути Худо майи тоза бинӯшам».

## Имтиҳони имони шогирдон.

26 Ва ҳамду сано хонда, ба сӯи кӯҳи Зайтун равона шуданд+.

27 •Ва Исо ба онҳо гуфт: «Ҳамаи шумо имшаб дар ҳаққи Ман ба
васваса хоҳед афтод; зеро навишта шудааст: „Чӯпонро мезанам, ва
гӯсфандон пароканда хоҳанд шуд“+.
28 Аммо пас аз эҳьё шуданам, пеш аз шумо ба Ҷалил хоҳам рафт»+.
29 Петрус ба Ӯ гуфт: «Агар ҳама ба васваса афтанд ҳам, ман
намеафтам».
30 Исо ба вай гуфт: «Ба ростӣ ба ту мегӯям, ки ту ҳоло, дар ҳамин
шаб, пеш аз он ки хурӯс ду бор бонг занад, Маро се бор инкор хоҳӣ
кард».
31 Лекин вай бо ҷидду ҷаҳди зиёдтар мегуфт: «Ҳатто агар бо Ту
мурданам лозим ояд, Туро ҳаргиз инкор накунам». Дигарон низ
ҳамчунон гуфтанд.

## Исо дар Ҷатсамонӣ маҳзун мешавад ва дуо мегӯяд.

32 •Ба мавзее омаданд, ки Ҷатсамонӣ ном дошт; ва Ӯ ба
шогирдонаш гуфт: «Дар ин ҷо бинишинед, то Ман дуо гӯям».
33 Ва Петрус, Яъқуб ва Юҳанноро бо Худ бурд; ва дар изтироб афтод
ва дилтанг шуд+.
34 Ва ба онҳо гуфт: «Ҷони Ман то ба дараҷаи марговар маҳзун
шудааст; дар ин ҷо бимонед ва бедор бошед»+.

## Дуои якум.

35 Ва, каме пештар рафта, рӯ ба замин афтод ва дуо гуфт, ки агар
мумкин бошад, он соат аз Ӯ бигзарад;+
36 Ва гуфт: «Аббо, Падарам! Ҳама чиз назди Ту мумкин аст; ин
косаро аз Ман бигзарон; лекин на бо хоҳиши Ман, балки бо иродаи
Ту»+.
37 Ва омада, онҳоро хуфта ёфт, ва ба Петрус гуфт: «Эй Шимъӯн! Ту
хуфтаӣ? Оё натавонистӣ соате бедор бошӣ?

38 Бедор бошед ва дуо гӯед, то ба озмоиш дучор нашавед; рӯҳ
бардам аст, лекин ҷисм нотавон»+.

## Дуои дуюм.

39 Ва боз рафта бо ҳамон суханон дуо гуфт.
40 Ва баргашта, боз онҳоро хуфта ёфт, зеро чашмонашон хоболуд
буд; ва онҳо намедонистанд, ки ба Ӯ чӣ ҷавоб диҳанд.

## Дуои сеюм.

41 Ва бори сеюм омада, ба онҳо гуфт: «Шумо ҳанӯз мехобед ва
истироҳат мекунед? Вассалом, соат расидааст; инак Писари Одам ба
дасти гуноҳкорон таслим карда мешавад;+
42 Бархезед, биравем: инак, он ки Маро таслим мекунад, наздик
омад».

## Таслим кардани Яҳудо ва ҳабс шудани Исо.

43 •Ва дарҳол, ҳанӯз ки Ӯ сухан мегуфт, Яҳудо, ки яке аз он
дувоздаҳ буд, ва бо вай мардуми бисьёре аз ҷониби саркоҳинон,
китобдонон ва пирон бо шамшеру таёқҳо омаданд+.
44 Таслимкунандаи Ӯ ишорате ба онҳо дода, гуфта буд: «Ҳар киро
бибӯсам, Ӯ ҳамон аст; Ӯро дастгир кунеду бо эҳтиёт баред».
45 Ва чун омад, дарҳол ба Ӯ наздик шуда, гуфт: «Эй Устод! Эй
Устод!» Ва Ӯро бӯсид.
46 Ва онҳо дастҳои худро бар Ӯ андохта, Ӯро гирифтанд.

## Исоро ҳама тарк карданд.

47 Аммо яке аз ҳозирон шамшери худро кашида, ба ғуломи
саркоҳин заду як гӯши вайро бурида партофт+.
48 Исо ба онҳо рӯ оварда, гуфт: «Гӯё бар зидди роҳзане шумо бо
шамшеру таёқҳо берун омадаед, то Маро дастгир кунед;
49 Ҳар рӯз Ман назди шумо дар маъбад будам ва таълим медодам,
ва шумо Маро дастгир накардед; лекин бигзор Навиштаҳо ба амал
оянд»+.
50 Он гоҳ ҳама Ӯро вогузошта, гурехтанд+.
51 Ҷавоне ҷисми бараҳнаи худро ба чодире печонда, аз ақиби Ӯ
мерафт; ва сарбозон вайро дастгир карданд.

52 Лекин вай чодирро партофта, тани бараҳна аз дасти онҳо
гурехт.

## Исо ба ҳузури пирон.

53 •Ва Исоро назди саркоҳин оварданд; ва тамоми саркоҳинон ва
пирон ва китобдонон назди вай гирд омаданд.
54 Петрус аз дур, то даруни ҳавлии саркоҳин, аз паи Ӯ равона шуда,
бо хизматгорон нишаст ва назди оташ худро гарм мекард.
55 Саркоҳинон ва тамоми шӯрои пирон дар ҷустуҷӯи шаҳодате бар
зидди Исо буданд, то Ӯро ба қатл расонанд, лекин наёфтанд.
56 Зеро бисьёр касон бар зидди Ӯ шаҳодати бардурӯғ доданд, лекин
ин шаҳодатҳо ба якдигар мувофиқ набуд+.
57 Ва баъзе касон бархоста, бар зидди Ӯ шаҳодати бардурӯғ дода,
гуфтанд:
58 «Мо шунидем, ки Ӯ мегуфт: „Ман ин маъбади бо дасти одам
сохташударо вайрон мекунам ва дар се рӯз дигареро бино мекунам,
ки бо дасти одам сохта нашуда бошад“»+.
59 Лекин чунин шаҳодати онҳо низ мувофиқ набуд.
60 Пас саркоҳин бархост ва дар миёна истода, аз Исо пурсид: «Чаро
Ту ҳеҷ ҷавоб намедиҳӣ? Ин чист, ки инҳо бар зидди Ту шаҳодат
медиҳанд?»+
61 Аммо Ӯ ҳомӯш монд ва ҳеҷ ҷавоб надод. Боз саркоҳин аз Ӯ
пурсида, гуфт: «Оё Ту Масеҳ, Писари Худои Мутабаррак ҳасти?»+
62 Исо гуфт: «Ман ҳастам; ва шумо Писари Одамро ҳоҳед дид, ки ба
ямини Кудрат нишаста, бар абрҳои осмон меояд»+.
63 Он гоҳ саркоҳин ҷомаи худро дарронда, гуфт: «Дигар ба
шоҳидон чӣ ҳоҷат дорем+?
64 Шумо куфрро шунидед; чӣ мулоҳиза доред?» Пас ҳама Ӯро
айбдор карда, сазовори марг донистанд+.
65 Ва баъзе касон ба сару рӯи Ӯ туф кардан гирифтанд ва рӯяшро
пӯшида, Ӯро мезаданд ва мегуфтанд, ки: «Нубувват кун». Ва
хизматгорон Ӯро торсакӣ мезаданд+.

## Петрус Худованди худро инкор мекунад.

66 •Ҳангоме ки Петрус дар поён, дар рӯи ҳавлӣ буд, яке аз
канизони саркоҳин омад
67 Ва чун дид, ки Петрус худро гарм мекунад, ба вай нигоҳ карда,
гуфт: «Ту низ бо Исои Носирӣ будӣ».
68 Лекин вай инкор карда, гуфт: «Намедонам ва намефаҳмам, ки ту
чӣ мегӯӣ». Ва ба ҳавлии берун рафта буд, ки хурӯс бонг зад.
69 Каниз бори дигар вайро дида, ба ҳозирон гуфт: «Ин яке аз
онҳост».
70 Вай бори дигар инкор кард. Пас аз муддате ҳозирон ба Петрус
гуфтанд: «Дар ҳақиқат ту яке аз онҳо мебошӣ; зеро ки ту аз Ҷалил
ҳастӣ ва лаҳҷаи ту ҳамон хел аст».
71 Лекин вай ба савганду қасам хӯрдан оғоз намуда, гуфт: «Он
Одамро, ки мегӯед, намешиносам».
72 Ҳамон дам хурӯс бори дуюм бонг зад. Он гоҳ Петрус сухани
Исоро ба ёд овард, ки ба вай гуфта буд: «Пеш аз он ки хурӯс ду бор
бонг занад, Маро се бор инкор хоҳӣ кард». Ва оғоз ба гиристан
намуд+.

## Исо ба ҳузури Пилотус.

15 1 •Бомдодон фавран саркоҳинон бо пирон ва китобдонон ва
тамоми шӯрои пирон машварат карданд ва Исоро баста
бурданду ба Пилотус таслим карданд+.
2 Пилотус аз Ӯ пурсид: «Оё Ту Подшоҳи Яҳудиён ҳастӣ?» Ӯ ҷавоб
дода гуфт: «Ту мегӯӣ»+.
3 Ва саркоҳинон Ӯро бисьёр айбдор мекарданд.
4 Пилотус боз аз Ӯ пурсид: «Ту ҳеҷ ҷавобе намедиҳӣ? Бингар, ки
чӣ қадар Туро айбдор мекунанд»+.
5 Лекин Исо боз ҳеҷ ҷавоб надод, ба тавре ки Пилотус дар ҳайрат
монд+.

## Исо не, балки Бараббос.

6 •Дар ҳар ид вай як бандиро, ки мехостанд, барои онҳо озод
мекард.
7 Бараббос ном касе бо шариконаш дар ҳабс буд, ки онҳо дар вақти
исьён одам кушта буданд.
8 Ва мардум фарьёд зада, илтимос карданд, ки он чиро, ки ҳамеша
барои онҳо мекард, ба ҷо оварад.
9 Вай ба ҷавоби онҳо гуфт: «Оё мехоҳед, Подшоҳи Яҳудиёнро
барои шумо озод кунам?»
10 Зеро медонист, ки саркоҳинон Ӯро аз рӯи ҳасад таслим карда
буданд+.
11 Лекин саркоҳинон мардумро барангехта буданд, ки Бараббосро
барои онҳо озод кунад, беҳтар аст+.
12 Пилотус боз ба ҷавоби онҳо гуфт: «Пас чӣ мехоҳед бикунам бо
он Касе ки Ӯро Подшоҳи Яҳудиён меномед?»
13 Онҳо боз фарьёд заданд: «Ӯро маслуб кун!»
14 Пилотус ба онҳо гуфт: «Ӯ чӣ бадӣ кардааст?» Лекин онҳо боз ҳам
зиёдтар фарьёд заданд: «Ӯро маслуб кун!»+
15 Пас Пилотус, мардумро хушнӯд карданӣ шуда, Бараббосро
барои онҳо озод кард ва Исоро тозиёна зада, барои маслуб кардан
таслим кард+.

## Тамасхур ва таҳқир кардани Исо.

16 •Ва сарбозон Ӯро ба даруни ҳавлӣ, яъне ба сарбозхона бурданд
ва тамоми фавҷро гирд оварданд;
17 Ва ҷомаи арғувон ба Ӯ пӯшонданд ва тоҷе аз хор бофта, бар
сараш ниҳоданд;
18 Ва оғоз ба салом намуданд: «Салом, эй Подшоҳи Яҳудиён!»
19 Ва қамиш бар сараш заданд ва бар Ӯ туф карданд ва, зону зада,
ба Ӯ таъзим карданд+.
20 Пас аз он ки Ӯро басе истеҳзо карданд, ҷомаи арғувонро аз
танаш кашида, либоси худашро пӯшонданд ва Ӯро берун бурданд, то
маслубаш кунанд.

21 •Ва роҳгузареро аз Қурин, ки Шимъӯн ном дошт ва падари
Искандар ва Руфус буд ва аз саҳро меомад, маҷбур карданд, ки
салиби Ӯро бардорад+.
22 Ва Исоро ба ҷое бурданд, ки Ҷолҷолто, яъне «Ҷои косахонаи сар»
ном дошт.
23 Ва шароби бо мур омехтаро барои нӯшиданаш доданд; лекин Ӯ
нанӯшид.

## Маслуб кардани Исо ва мамоти Ӯ.

24 Ононе ки Ӯро маслуб карданд, либоси Ӯро қуръа партофта
тақсим карданд, то ҳар кас чизе бигирад+.
25 Ва соати сеюм буд, ки Ӯро маслуб карданд.
26 Ва бар Ӯ чунин айбномае навишта шуда буд: «Подшоҳи
Яҳудиён».
27 Бо Ӯ ду роҳзанро, яке аз дасти росташ ва дигаре аз дасти чапаш,
маслуб карданд.
28 Пас ба амал омад он Навиштае ки мегӯяд: «Аз ҷинояткорон
шумурда шуд».
29 Ва роҳгузарон Ӯро дашном дода ва сар чунбонда, мегуфтанд:
«Эй! Ту ки маъбадро вайрон карда, дар се рӯз аз нав бино мекунӣ!+
30 Худатро наҷот дода, аз салиб фурӯд ой».
31 Ҳамчунин саркоҳинон ва китобдонон Ӯро истеҳзо карда, ба
якдигар мегуфтанд: «Дигаронро наҷот медод, лекин Худашро наҷот
дода наметавонад!+

32 Масеҳ, Подшоҳи Исроил, бигзор акнун аз салиб фурӯд ояд, то
бубинем ва имон оварем». Ва онҳое ки бо Ӯ маслуб шуда буданд, Ӯро
дашном медоданд+.

33 •Чун соати шашум расид, тамоми заминро то соати нӯҳум
торикӣ фаро гирифт.

34 Ва дар соати нӯҳум Исо бо овози баланд фарьёд зада, гуфт:
«Элӯҳӣ, Элӯҳӣ! Ламма сабақтанӣ?», яъне: «Худои Ман, Худои Ман!
Чаро Маро тарк кардаӣ?»+

35 Баъзе аз ҳозирон, чун шуниданд, гуфтанд: «Инак, Ильёсро
меҳонад».

36 Пас шахсе шитоб карда, исфанҷеро аз сирко пур кард ва бар сари
най ниҳода, ба Ӯ нӯшониданӣ шуд ва гуфт: «Биистед, бубинем, ки оё
Ильёс меояд, то Ӯро фурӯд оварад?»+

37 Лекин Исо садои баланде бароварда, ҷон дод.

38 Ва пардаи маъбад аз боло то поён дарида, ду пора шуд+.

39 Мирисаде ки рӯ ба рӯи Ӯ меистод, чун дид, ки Ӯ бо чунин садо
ҷон дод, гуфт: «Ба ростӣ ин Одам Писари Худо буд».

40 Якчанд зан низ буданд, ки аз дур нигоҳ мекарданд: аз он ҷумла
Марьями Маҷдалия ва Марьяме ки модари Яъқуби кӯчак ва Йӯсе буд,
ва Салӯмит,+

41 Ки ҳангоми дар Ҷалил буданаш аз ақиби Ӯ мерафтанд ва ба Ӯ
хизмат мекарданд, ва бисьёр занони дигар, ки ҳамроҳи Ӯ ба
Ерусалим омада буданд.

## Дафни Исо.

42 •Ва чун шом шуд, зеро ки рӯзи ҷумъа, яъне бегоҳи шанбе буд,

43 Юсуф ном шахсе аз Ҳаромот, узви намоёни шӯро, ки худаш низ
интизори Малакути Худо буд, омад ва ҷасорат карда назди Пилотус
даромад ва Ҷасади Исоро талаб кард;

44 Пилотус дар ҳайрат афтод, ки Ӯ зуд фавтидааст; ва юзбоширо
талабида, аз вай пурсид, ки оё фавтид?

45 Ва чун аз юзбошӣ фаҳмид, Ҷасадро ба Юсуф дод.

46 Вай катоне харида ва Ҷасадро аз салиб фуроварда, ба он катон
печонд ва ба қабре ки дар дохили санг тарошида буд, ниҳод; ва
сангеро бар дари қабр ғелонд+.

47 Ва Марьями Маҷдалия ва Марьями модари Йӯсе диданд, ки куҷо
гузошта шуд.

## Эҳьёи Исо ва воқеаҳои ин рӯз.

**16** [1] •Баъд аз гузаштани шанбе, Марьями Маҷдалия ва Марьяме
ки модари Яъқуб буд, ва Салӯмит ҳанут хариданд, то рафта Ӯро
тадҳин кунанд+.
[2] Ва саҳарии рӯзи якшанбе, чун офтоб тулӯъ кард, онҳо ба сари
қабр омаданд,
[3] Ва ба ҳамдигар мегуфтанд: «Сангро аз дари қабр барои мо кӣ
мeғелонад?»+
[4] Чун нигаристанд, диданд, ки санг ғелонда шудааст; ва ҳол он ки
он бисьёр бузург буд.
[5] Ва чун ба қабр даромаданд, ҷавонеро дар тарафи рост нишаста
диданд, ки либоси сафед дар бар дошт; ва ҳайрон шуданд.
[6] Вай ба онҳо гуфт: «Ҳайрон нашавед. Исои Носирии маслубро
ҷустуҷӯ мекунед; Ӯ эҳьё шуд ва дар ин ҷо нест. Инак ҷое ки Ӯро
ниҳода буданд.
[7] Лекин рафта, ба шогирдони Ӯ ва ба Петрус гӯед, ки Ӯ пеш аз
шумо ба Ҷалил меравад; Ӯро, чунон ки ба шумо гуфта буд, дар он ҷо
ҳоҳед дид»+.
[8] Ва зуд баромада, тозон аз пеши қабр рафтанд; онҳоро ларза ва
даҳшат фаро гирифта буд, ва ба касе чизе нагуфтанд, зеро ки
метарсиданд.

## Фармоиш дар бораи вазифа.

[9] •Саҳарии рӯзи якшанбе эҳьё шуда, аввал ба Марьями Маҷдалия,
ки аз вай ҳафт деврo берун карда буд, зоҳир шуд+.
[10] Вай рафта, ба ҳамроҳони Ӯ, ки гирьёну нолон буданд, ҳабар дод;
[11] Лекин онҳо, чун шуниданд, ки Ӯ зинда аст, ва Ӯро вай дидааст,
— бовар накарданд+.
[12] Баъд аз он ба сурати дигар ба ду нафари онҳо, ки ба деҳа
мерафтанд, дар роҳ зоҳир шуд.
[13] Ва онҳо баргашта, ба дигарон ҳабар доданд; лекин ба онҳо низ
бовар накарданд.
[14] Ниҳоят ба он ёздаҳ, ки дар сари суфра нишаста буданд, зоҳир
шуд ва онҳоро ба сабаби беимонӣ ва дилсахтиашон сарзаниш кард,

зеро ба онҳое ки Ӯро эҳъёшуда дида буданд, бовар накардаанд.
[15] Ва ба онҳо гуфт: «Ба тамоми олам биравед ва Инҷилро ба ҳамаи
маҳлуқот мавъиза кунед+.
[16] Ҳар кӣ имон оварда, таъмид ёбад, наҷот ҳоҳад ёфт; лекин ҳар кӣ
имон наоварад, маҳкум хоҳад шуд+.
[17] Ва ин аломот ҳамроҳи имондорон ҳоҳад буд: ба исми Ман
девҳоро берун кунанд ва ба забонҳои нав сухан гӯянд;+
[18] Ва морҳоро гиранд; ва агар заҳри қотиле бихӯранд, ба онҳо осеб
нарасонад; ва даст бар беморон ниҳанд, онҳо шифо ёбанд»+.

## Сууди Исо.

[19] Ва Худованд, пас аз он ки ба онҳо сухан гуфт, ба осмон сууд
карда, ба ямини Худо нишаст+.
[20] Ва онҳо берун рафта, дар ҳар ҷо мавъиза мекарданд, ва
Худованд ба онҳо мадад мерасонд ва бо аломоти баъдина каломро
собит мегардонд+.

---

● 1:1 *Мат. 3:1-12, Луқ. 3:1-9, Юҳ. 1:19-28*

+ 1:1 Заб. 2:7

+ 1:2 Хур. 23:20, Мал. 3:1, Мат. 11:10, Луқ. 7:27

+ 1:3 Иш. 40:3

+ 1:4 Луқ. 1:80, Юҳ. 1:6

+ 1:5 Аъм. 19:18

+ 1:6 4 Подш. 1:8, Иб. 11:22, 1 Подш. 14:26

+ 1:8 Юил 2:28

● 1:9 *Мат. 3:13, Луқ. 3:21-22, Луқ. 4:1-13*

+ 1:9 Мат. 2:23, Луқ. 2:39

+ 1:10 Аъм. 7:56, Иш. 11:2, Юҳ. 1:32-33

+ 1:11 Марқ. 9:7, Юҳ. 12:28, Иш. 42:1, Марқ. 9:7, 2 Пет. 1:17

+ 1:13 1 Вак. 21:1, 1 Тас. 3:5, Луқ. 22:43

● 1:14 *Мат. 4:18-22, Луқ. 5:1-11*

+ 1:14 Ех. 21:39, 3 Подш. 9:11, Иш. 9:1

+ 1:15 Ғал. 4:4, Мат. 3:2

+ 1:16 Ад. 34:11, Мат. 14:34, Марқ. 6:53, Юҳ. 1:40-42

+ 1:17 Мат. 13:47

+ 1:18 Марқ. 10:28

● 1:21 *Луқ. 4:31-41*

+ 1:21 Мат. 4:13

+ 1:22 Мат. 7:28-29

+ 1:24 Марқ. 5:7, Аъм. 19:15, Юҳ. 6:69

+ 1:26 Марқ. 9:20, Аъм. 8:7

+ 1:27 Аъм. 17:19

+ 1:30 1 Қӯр. 9:5

+ 1:31 Марқ. 5:41, Марқ. 9:27, Аъм. 3:7, Аъм. 9:41

+ 1:34 Мат. 12:16, Марқ. 3:12

● 1:35 *Луқ. 4:42-44*

+ 1:35 Мат. 14:23, Луқ. 5:16

+ 1:38 Иш. 61:1

● 1:40 *Мат. 8:1-4, Луқ. 5:12-16*

+ 1:40 Иб. 13:3, Ад. 12:10, 4 Подш. 5:1, 2 Вак. 26:20, Марқ. 9:22

+ 1:42 Луқ. 17:14

+ 1:43 Мат. 9:30

+ 1:44 Иб. 14:1-32, Луқ. 17:14

+ 1:45 Марқ. 7:36

● 2:1 *Мат. 9:1-8, Луқ. 5:17-26*

+ 2:1 Мат. 4:13, Марқ. 1:21

+ 2:4 Марқ. 6:55

+ 2:5 Мат. 8:10, Марқ. 10:52, Луқ. 7:48

+ 2:7 Марқ. 14:64, Заб. 31:5, Иш. 43:25

● 2:13 *Мат. 9:9-13, Луқ. 5:27-32*

+ 2:16 Луқ. 15:2

+ 2:17 Луқ. 15:7, 1 Тим. 1:15

● 2:18 *Мат. 9:14-17, Мат. 12:1-8, Луқ. 5:33*

+ 2:18 Мат. 11:2, Луқ. 11:1, Юҳ. 1:35, Луқ. 18:12

+ 2:19 Мат. 25:1-13, Юҳ. 3:29, Ваҳй 19:7, Ваҳй 21:2

+ 2:20 Марқ. 14:7, Луқ. 17:22

+ 2:23 Так. Шар. 23:25

+ 2:24 Хур. 20:8-10, Ад. 15:32-36

+ 2:25 1 Подш. 21:1-6

+ 2:26 1 Подш. 22:20, 2 Подш. 8:17, Хур. 25:30, Иб. 24:5-9

+ 2:27 Хур. 23:12, Так. Шар. 5:14

● 3:1 *Мат. 12:9-14, Луқ. 6:6-11*

+ 3:1 Марқ. 1:21

+ 3:2 Луқ. 14:1, Луқ. 20:20

+ 3:4 Луқ. 14:3

+ 3:5 Эфс. 4:18, 3 Подш. 13:6

+ 3:7 Иш. 34:5, Ҳиз. 35:15, Мат. 11:21

+ 3:10 Марқ. 5:28

+ 3:11 Мат. 14:33, Марқ. 1:24

+ 3:12 Мат. 12:16, Марқ. 1:34

● 3:13 *Мат. 10:1-4, Луқ. 6:12-16*

+ 3:16 Мат. 16:18, Юҳ. 1:42

+ 3:17 Марқ. 1:19

+ 3:18 Мат. 9:9

+ 3:19 Марқ. 14:10, Марқ. 14:44

● 3:20 *Мат. 12:22-32, Луқ. 11:14-23, Луқ. 12:10*

+ 3:20 Марқ. 6:31

+ 3:21 2 Қӯр. 5:13

+ 3:22 4 Подш. 1:2, Мат. 9:34, Мат. 10:25

+ 3:27 Иш. 49:24-25

+ 3:29 Луқ. 12:10, 1 Юҳ. 5:16, Ибр. 10:26, Ибр. 10:29

● 3:31 *Мат. 12:46-50, Луқ. 8:19-21*

+ 3:31 Марқ. 6:3, Юҳ. 2:12, Юҳ. 7:3, Аъм. 1:14, 1 Қӯр. 9:5, Ғал. 1:19

+ 3:35 Юҳ. 15:14, Ибр. 2:11

● 4:1 *Мат. 13:1-23, Луқ. 8:4-15*

+ 4:7 Ирм. 4:3

+ 4:9 Мат. 11:15, Ваҳй 2:7

● 4:10 *Мат. 13:18-23, Луқ. 8:11-15*

+ 4:11 Мат. 19:11, 1 Қӯр. 5:12-13

+ 4:12 Иш. 6:9-10, Иш. 42:20, Юҳ. 12:40, Аъм. 28:26-27

+ 4:14 Иш. 55:10-11, Аъм. 8:4

+ 4:17 Ғал. 1:6, Ибр. 6:4

+ 4:19 Мат. 6:25, Марқ. 10:23, 1 Тим. 6:10

+ 4:20 Юҳ. 15:5

● 4:21 *Луқ. 8:16-18*

+ 4:21 Мат. 5:15, Луқ. 11:33

+ 4:22 Мат. 10:26, Луқ. 12:2

+ 4:23 Мат. 11:15, Марқ. 4:9

+ 4:24 Мат. 7:2

+ 4:25 Мас. 9:9

+ 4:29 Юил 3:13, Мат. 13:38, Ваҳй 14:15

● 4:30 *Мат. 13:31-35, Луқ. 13:18-19*

+ 4:31 Мат. 17:20, Луқ. 17:6

+ 4:32 Ҳиз. 17:3, Ҳиз. 31:6, Дон. 4:9

● 4:35 *Мат. 8:23-27, Луқ. 8:22-25*

+ 4:35 Мат. 8:18, Лук. 8:22

+ 4:37 Аъм. 27:14

+ 4:39 Заб. 64:8, Заб. 88:10, Заб. 103:7

● 5:1 *Мат. 8:28-34, Лук. 8:26-39*

+ 5:7 Марк. 1:24

+ 5:17 Лук. 5:8, Аъм. 16:39

+ 5:19 Заб. 65:16

+ 5:20 Мат. 4:25, Марк. 7:31

● 5:21 *Мат. 9:18-26, Лук. 8:40-56*

+ 5:22 Лук. 13:14, Аъм. 13:15, Аъм. 18:8

+ 5:25 Иб. 15:25

+ 5:28 Марк. 3:10

+ 5:30 Лук. 5:17, Лук. 6:19

+ 5:34 Марк. 10:52

+ 5:37 Марк. 9:2, Марк. 14:33

+ 5:39 Юх. 11:11

+ 5:41 Марк. 1:31, Марк. 9:27, Аъм. 3:7, Аъм. 9:41, Лук. 7:14

+ 5:43 Марк. 1:44, Марк. 9:9

● 6:1 *Мат. 13:53-58, Лук. 4:16-30*

+ 6:1 Мат. 2:23, Лук. 2:39, Лук. 4:23

+ 6:2 Марк. 1:21

+ 6:3 Мат. 11:6

+ 6:4 Юх. 4:44

● 6:7 *Мат. 10:1, Мат. 10:5-15, Лук. 9:1-6*

+ 6:7 Марк. 3:13-18

+ 6:11 Аъм. 13:51

+ 6:12 Марк. 1:15

+ 6:13 Яък. 5:14

● 6:14 *Мат. 14:1-12, Лук. 9:7-9*

+ 6:14 Марк. 8:28

+ 6:15 Мат. 21:11

+ 6:17 Иб. 18:16, Иб. 20:21, Мат. 11:2, Луқ. 3:19-20, Юҳ. 3:24

+ 6:21 Ҳас. 40:20, Эст. 1:3

+ 6:23 Эст. 5:3, Эст. 7:2

+ 6:29 Марқ. 2:18

● 6:30 *Мат. 14:13-21, Луқ. 9:10-17, Юҳ. 6:1-14*

+ 6:30 Марқ. 6:7

+ 6:31 Марқ. 3:20

+ 6:34 Ад. 27:17, 3 Подш. 22:17, Ҳиз. 34:5, Зак. 10:2, Мат. 9:36

+ 6:37 4 Подш. 4:42-44

● 6:45 *Мат. 14:22-36, Юҳ. 6:15-21*

+ 6:45 Мат. 11:21, Марқ. 8:22

+ 6:46 Луқ. 6:12, Луқ. 9:28

+ 6:49 Луқ. 24:37

+ 6:52 Марқ. 6:41, Марқ. 8:17, Юҳ. 12:40, 2 Қӯр. 3:14

+ 6:53 Ад. 34:11, Мат. 14:34, Лук. 5:1

+ 6:55 Марк. 2:4, Аъм. 5:15

+ 6:56 Марк. 5:27

● 7:1 *Мат. 15:1-20*

+ 7:3 Ғал. 1:14

+ 7:4 Ибр. 9:10

+ 7:5 Лук. 11:38

+ 7:6 Мат. 23:13

+ 7:7 Иш. 29:13, Қӯл. 2:22

+ 7:10 Хур. 20:12, Хур. 21:17

+ 7:15 Аъм. 10:15, Тит. 1:15

+ 7:19 Аъм. 10:15, Аъм. 11:9, Тит. 1:15

+ 7:20 Мат. 12:34, Яък. 3:6

+ 7:21 Ғал. 5:19-21, 1 Қӯр. 6:9-10

● 7:24 *Мат. 15:21-28*

+ 7:24 Ех. 19:28-29, Иш. 23

+ 7:26 Аъм. 21:2-3

+ 7:27 Мат. 7:6

+ 7:31 Марқ. 8:24, Марқ. 5:20, Марқ. 1:9

+ 7:32 Иш. 35:5-6

+ 7:33 Марқ. 8:23, Юҳ. 9:6

+ 7:36 Марқ. 1:44-45

● 8:1 *Мат. 15:32-39*

+ 8:2 Мат. 9:36

+ 8:4 4 Подш. 4:42-44

● 8:11 *Мат. 16:1-4*

+ 8:11 Луқ. 11:16, 1 Қӯр. 1:22

● 8:14 *Мат. 16:5-12*

+ 8:15 Луқ. 12:1, 1 Қӯр. 5:7-8

+ 8:17 Марқ. 6:52, Марқ. 7:18

+ 8:18 Ирм. 5:21

+ 8:19 Марк. 6:41-43

+ 8:20 Марк. 8:8

+ 8:22 Марк. 6:45

+ 8:23 Марк. 7:33, Юх. 9:6

● 8:27 *Мат. 16:13-20, Лук. 9:18-21*

+ 8:28 Марк. 6:14, 3 Подш. 17:1, Мал. 4:5

+ 8:29 Марк. 14:61-62, Юх. 11:27

+ 8:30 Мат. 9:30

● 8:31 *Мат. 16:21-28, Лук. 9:22-27*

+ 8:31 Лук. 17:25, Марк. 9:31, Марк. 10:34, Юх. 2:19

+ 8:32 Юх. 16:25

+ 8:33 Мат. 4:10, Фпл. 3:19

+ 8:34 Мат. 10:38-39

+ 8:35 Марк. 10:29

+ 8:36 Луқ. 12:20

+ 8:37 Заб. 48:8-9

+ 8:38 Иш. 57:3, Рум. 1:16, 2 Тим. 1:8, Так. Шар. 33:2, Дон. 7:13, Зак. 14:5

+ 9:1 Марқ. 13:30, Юҳ. 21:22

● 9:2 *Мат. 17:1-13, Луқ. 9:28-36*

+ 9:2 Марқ. 5:37, Марқ. 14:33

+ 9:3 Дон. 7:9

+ 9:4 Мал. 4:5

+ 9:7 Так. Шар. 18:15, 2 Пет. 1:17

+ 9:9 Марқ. 1:44, Марқ. 5:43

+ 9:12 Иш. 53:7

+ 9:13 Мат. 11:14, Луқ. 1:17

● 9:14 *Мат. 17:14-20, Луқ. 9:37-43*

+ 9:17 Луқ. 11:14

+ 9:20 Марқ. 1:26

+ 9:22 Марк. 1:40

+ 9:23 Мат. 17:20-21

+ 9:26 Марк. 1:26

+ 9:27 Марк. 1:31, Марк. 5:41, Аъм. 3:7, Аъм. 9:41

● 9:30 *Мат. 17:22-23, Луқ. 9:43-45*

+ 9:31 Марк. 8:31, Марк. 10:32-34

+ 9:32 Марк. 6:52

● 9:33 *Мат. 18:1-9, Луқ. 9:46-50, Луқ. 22:24-30*

+ 9:33 Мат. 17:24

+ 9:35 Марк. 10:43-44

+ 9:36 Марк. 10:16

+ 9:37 Мат. 10:40, Луқ. 10:16, Юҳ. 13:20

+ 9:38 Мат. 7:22, Мат. 12:27, Аъм. 19:13, Ад. 11:28

+ 9:40 Мат. 12:30, Луқ. 11:23

+ 9:41 Мат. 10:42

+ 9:42 Лук. 17:2

+ 9:43 Мат. 5:30, Мат. 25:41, Ваҳй 20:10

+ 9:47 Иш. 66:24

+ 9:50 Мат. 5:13, Лук. 14:34, Ҳиз. 43:24, Рум. 12:18, 2 Қӯр. 13:11, 1 Тас. 5:13

● 10:1 *Мат. 19:1-12*

+ 10:4 Так. Шар. 24:1-3

+ 10:6 Ҳас. 1:27

+ 10:7 Ҳас. 2:24, 1 Қӯр. 6:16, Эфс. 5:31, 1 Қӯр. 6:16

+ 10:9 Мал. 2:16, 1 Қӯр. 7:10

+ 10:12 Мат. 5:32

● 10:13 *Мат. 19:13-15, Лук. 18:15-17*

+ 10:15 Мат. 18:3

+ 10:16 Марқ. 9:36

● 10:17 *Мат. 19:16-30, Лук. 18:18-30*

+ 10:17 Лук. 10:25

+ 10:18 Заб. 105:1, Заб. 118:68

+ 10:19 Хур. 20:12-16, Так. Шар. 24:14, 1 Қӯр. 6:8

+ 10:20 Фпл. 3:6

+ 10:21 Луқ. 12:33

+ 10:23 Заб. 48:7-8, Марқ. 4:19

+ 10:27 Ҳас. 18:14, Айюб 42:2, Ирм. 32:17, Марқ. 14:36, Луқ. 1:37

+ 10:28 Марқ. 1:18-20

+ 10:29 Марқ. 8:35, Луқ. 14:26

+ 10:30 2 Қӯр. 12:10

+ 10:31 Мат. 20:16, Луқ. 13:30

● 10:32 *Мат. 20:17-19, Луқ. 18:31-34*

+ 10:34 Марқ. 8:31, Марқ. 9:31

● 10:35 *Мат. 20:20-28*

+ 10:35 Марқ. 1:19

+ 10:37 Мат. 19:28

+ 10:38 Марқ. 14:36, Юҳ. 18:11, Луқ. 12:50

+ 10:39 Аъм. 12:2, Ваҳй 1:9

+ 10:43 1 Пет. 5:3, Мат. 23:11, Марқ. 9:35

+ 10:45 Юҳ. 13:4-5, Иш. 53:10-11, Юҳ. 11:51, Рум. 4:25, Ғал. 1:4, 1 Тим. 2:6, Тит. 2:14, 1 Пет. 1:18-19

● 10:46 *Мат. 20:29-34, Луқ. 18:35-43*

+ 10:46 Еҳ. 6:1, 3 Подш. 16:34

+ 10:47 2 Подш. 7:12-16, Луқ. 1:32

+ 10:52 Марқ. 5:34, Луқ. 7:50, Луқ. 17:19

● 11:1 *Мат. 21:1-11, Луқ. 19:28-40, Юҳ. 12:12-19*

+ 11:1 2 Подш. 15:30, Зак. 14:4, Аъм. 1:12, Мат. 21:17, Луқ. 24:50, Юҳ. 11:18

+ 11:8 4 Подш. 9:13

+ 11:10 Заб. 117:25-26, Заб. 148:1, Мат. 23:39

● 11:12 *Мат. 21:18-19*

+ 11:12 Мат. 4:2

+ 11:13 Ирм. 24:8, Ирм. 29:16-17, Ҳуш. 9:10, Мик. 7:1, Марқ. 13:28, Луқ. 13:6

● 11:15 *Мат. 21:12-17, Луқ. 19:45-48, Юҳ. 2:13-22*

+ 11:15 Иб. 1:14, Иб. 5:7, Иб. 12:8, Луқ. 2:24

+ 11:17 Иш. 56:7, Ирм. 7:11

+ 11:18 Мат. 21:46

+ 11:19 Луқ. 21:37

● 11:20 *Мат. 21:19-22*

+ 11:23 Мат. 7:7, Мат. 17:20, 1 Қӯр. 13:2

+ 11:24 Мат. 7:7, Яъқ. 1:6

+ 11:25 Мат. 6:14, Қӯл. 3:13

● 11:27 *Мат. 21:23-27, Луқ. 20:1-8*

+ 11:28 Аъм. 4:7

+ 11:30 Марқ. 1:4

+ 11:31 Луқ. 7:30

+ 11:32 Мат. 11:9, Мат. 14:5

- ● 12:1 *Мат. 21:33-46, Луқ. 20:9-19*
- + 12:1 Заб. 79:9, Иш. 5:1, Сур. Сур. 8:11, Марқ. 13:34
- + 12:5 Мат. 22:6, Мат. 23:34, Ибр. 11:36-37, Ибр. 11:36-37
- + 12:6 Мат. 3:17, Ибр. 1:1
- + 12:7 Ибр. 1:2, 3 Подш. 21:19
- + 12:8 Ибр. 13:12
- + 12:9 Аъм. 13:46
- + 12:11 Заб. 117:22-23, Аъм. 4:11, 1 Пет. 2:7
- + 12:12 Марқ. 11:18, Марқ. 11:32
- ● 12:13 *Мат. 22:15-22, Луқ. 20:20-26*
- + 12:13 Луқ. 11:54
- + 12:14 Мат. 17:24-25
- + 12:15 Марқ. 7:6, Луқ. 12:1
- + 12:17 Рум. 13:7
- ● 12:18 *Мат. 22:23-33, Луқ. 20:27-40*

+ 12:18 Мат. 3:7, Аъм. 23:8

+ 12:19 Ҳас. 38:8, Так. Шар. 25:5-6

+ 12:26 Хур. 3:2, Хур. 3:6

● 12:28 *Мат. 22:34-40, Луқ. 10:25-28*

+ 12:30 Так. Шар. 6:4-5, Так. Шар. 11:13, Еҳ. 22:5

+ 12:31 Иб. 19:18, Мат. 19:19

+ 12:32 Так. Шар. 4:35, Так. Шар. 6:4

+ 12:33 3 Подш. 15:22, Ҳуш. 6:6, Мик. 6:6-8

+ 12:34 Луқ. 20:40

● 12:35 *Мат. 22:41-46, Луқ. 20:41-44*

+ 12:35 2 Подш. 7:12-16, Марқ. 10:47, Луқ. 1:32

+ 12:36 Заб. 109:1, Аъм. 2:34-35

+ 12:37 Марқ. 6:20

● 12:38 *Мат. 23:1-36, Луқ. 20:45-47*

+ 12:39 Луқ. 11:43

● 12:41 *Луқ. 21:1-4*

+ 12:41 4 Подш. 12:9, Мат. 27:6

+ 12:44 2 Қӯр. 8:1-3, 2 Қӯр. 8:12

● 13:1 *Мат. 24:1-14, Луқ. 21:5-19*

+ 13:2 Луқ. 19:44

+ 13:5 1 Юҳ. 3:7, Қӯл. 2:8, 2 Тас. 2:3

+ 13:6 Ирм. 14:14

+ 13:7 Ирм. 51:46

+ 13:8 2 Вак. 15:6, Ваҳй 6:4, Аъм. 11:28, Ваҳй 6:8, Ваҳй 6:12

+ 13:9 Заб. 118:46, Аъм. 17:6, Аъм. 18:12, Аъм. 24:1, Аъм. 25:6

+ 13:10 Мат. 28:19, Рум. 10:18, Қӯл. 1:6

+ 13:11 Аъм. 4:8

+ 13:12 Мат. 10:35-36

+ 13:13 Мат. 10:22, Юҳ. 15:18, Яъқ. 5:11, Ваҳй 2:10

● 13:14 *Мат. 24:15-28, Луқ. 21:20-24*

+ 13:14 Дон. 9:27, Дон. 11:31, Дон. 12:11

+ 13:15 Луқ. 17:31

+ 13:17 Луқ. 23:29

+ 13:19 Ирм. 30:7, Дон. 12:1, Ваҳй 16:18

+ 13:20 Иш. 65:8, Луқ. 18:7

+ 13:21 Луқ. 17:23

+ 13:22 Так. Шар. 13:1, 2 Тас. 2:9, Ваҳй 13:13, Ваҳй 16:14

+ 13:23 Юҳ. 13:19, Юҳ. 14:29

● 13:24 *Мат. 24:29-31, Луқ. 21:25-28*

+ 13:24 Ом. 8:9

+ 13:25 Иш. 13:10, Иш. 24:23, Иш. 34:4, Ҳиз. 32:7, Юил 2:31, Аъм. 2:20, Ваҳй 6:13

+ 13:26 Дон. 7:13, Мат. 16:27

+ 13:27 Мат. 13:41

● 13:28 *Мат. 24:32-35, Луқ. 21:29-33*

+ 13:30 Марк. 9:1

+ 13:31 Заб. 101:26-27, Иш. 51:6, 2 Пет. 3:10

● 13:32 *Мат. 24:36-44, Луқ. 17:26-30, Луқ. 17:34-36*

+ 13:32 Зак. 14:7

+ 13:33 Эфс. 6:18, 1 Тас. 5:6, Мат. 25:13

+ 13:34 Марқ. 12:1

+ 13:35 Мат. 25:13, 2 Пет. 3:10, 1 Тас. 5:2

+ 13:36 Мат. 25:1-13

● 14:1 *Мат. 26:1-5, Луқ. 22:1-2, Юҳ. 11:45-53*

+ 14:1 Хур. 12:1-30, Юҳ. 11:53

● 14:3 *Мат. 26:6-13, Луқ. 7:36-50, Юҳ. 12:1-8*

+ 14:3 Мат. 21:17, Юҳ. 11:1, Юҳ. 11:18, Иб. 13:3

+ 14:7 Так. Шар. 15:11, Марқ. 2:20, Юҳ. 7:33

+ 14:8 Юҳ. 19:40

+ 14:9 Мат. 24:14

● 14:10 *Мат. 26:14-16, Луқ. 22:3-6*

+ 14:10 Юҳ. 13:2, Аъм. 1:16

● 14:12 *Мат. 26:17-30, Луқ. 22:7-23, Юҳ. 13:21-30*

+ 14:12 Хур. 12:6, 1 Қӯр. 5:7

+ 14:18 Заб. 40:10, Юҳ. 13:18

+ 14:21 Иш. 53, Мат. 18:7

● 14:22 *Мат. 26:26-30, Луқ. 22:15-20, 1 Қӯр. 11:23-25*

+ 14:22 Юҳ. 6:51, 1 Қӯр. 10:16

+ 14:24 Хур. 24:8

+ 14:26 Луқ. 22:39

● 14:27 *Мат. 26:31-35, Луқ. 22:31-34, Юҳ. 13:36-38*

+ 14:27 Зак. 13:7, Юҳ. 16:32

+ 14:28 Марқ. 16:7

● 14:32 *Мат. 26:36-46, Луқ. 22:39-46*

+ 14:33 Марқ. 5:37, Марқ. 9:2

+ 14:34 Юҳ. 12:27

+ 14:35 Ибр. 5:7

+ 14:36 Марк. 10:27, Марк. 10:38, Юҳ. 18:11, Юҳ. 5:30, Юҳ. 6:38

+ 14:38 Мат. 6:13, 1 Пет. 4:7

+ 14:41 Юҳ. 2:4, Марк. 9:31, Марк. 10:33

● 14:43 *Мат. 26:47-56, Луқ. 22:47-53, Юҳ. 18:3-12*

+ 14:43 Аъм. 1:16

+ 14:47 Луқ. 22:38

+ 14:49 Марк. 11:27, Мат. 1:22-23, Мат. 21:4, Юҳ. 19:36

+ 14:50 Марк. 14:27, Юҳ. 16:32

● 14:53 *Мат. 26:57-68, Луқ. 22:54-55, Луқ. 22:63-71, Юҳ. 18:13-14, Юҳ. 18:19-24*

+ 14:56 Заб. 26:12, Заб. 34:11, Так. Шар. 17:6, Так. Шар. 19:15

+ 14:58 2 Қӯр. 5:1, Марк. 15:29, Юҳ. 2:19

+ 14:60 Марк. 15:4-5

+ 14:61 Иш. 53:7, Заб. 2:7

+ 14:62 Заб. 109:1, Дон. 7:13, Мат. 16:27, Мат. 24:30, Ибр. 1:13

+ 14:63 Ад. 14:6, Аъм. 14:14

+ 14:64 Марк. 2:7, Юҳ. 10:36, Иб. 24:16

+ 14:65 Иш. 50:6, Марк. 10:34

● 14:66 *Мат. 26:69-75, Луқ. 22:56-62, Юҳ. 18:15-18, Юҳ. 18:25-27*

+ 14:72 Марк. 14:30

● 15:1 *Мат. 27:1-2, Мат. 27:11-14, Луқ. 23:1-5, Юҳ. 18:28-38*

+ 15:1 Луқ. 3:1, Луқ. 13:1, Аъм. 3:13, Аъм. 4:27, 1 Тим. 6:13

+ 15:2 Мат. 2:2

+ 15:4 Марк. 14:60-61

+ 15:5 Иш. 53:7

● 15:6 *Мат. 27:15-26, Луқ. 23:13-25, Юҳ. 18:39*

+ 15:10 Юҳ. 12:19, Аъм. 5:17

+ 15:11 Аъм. 3:14

+ 15:14 Луқ. 23:41, Ибр. 4:15

+ 15:15 Марк. 10:34

- 15:16 *Мат. 27:27-31, Юҳ. 19:2-3*
- \+ 15:19 Иш. 50:6, Марқ. 10:34, Марқ. 14:65
- 15:21 *Мат. 27:32-44, Луқ. 23:26-43, Юҳ. 19:17-27*
- \+ 15:21 Рум. 16:13
- \+ 15:24 Заб. 21:19
- \+ 15:29 Заб. 21:7, Заб. 108:25, Марқ. 14:58, Юҳ. 2:19
- \+ 15:31 Юҳ. 10:18
- \+ 15:32 Юҳ. 1:49, Юҳ. 12:13, Юҳ. 20:29
- 15:33 *Мат. 27:45-56, Луқ. 23:44-49, Юҳ. 19:28-30*
- \+ 15:34 Заб. 21:2
- \+ 15:36 Заб. 68:22
- \+ 15:38 Хур. 26:33, Иб. 16:2
- \+ 15:40 Луқ. 8:2
- 15:42 *Мат. 27:57-61, Луқ. 23:50-56, Юҳ. 19:38-42*
- \+ 15:46 Иш. 53:9

● 16:1 *Мат. 28:1-8, Луқ. 24:1-12, Юҳ. 20:1-10*

+ 16:1 Марқ. 15:40

+ 16:3 Марқ. 15:46

+ 16:7 Марқ. 14:28

● 16:9 *Мат. 28:9-10, Мат. 28:16-20, Луқ. 24:13-49, Юҳ. 20:11-23*

+ 16:9 Луқ. 8:2

+ 16:11 Луқ. 24:11

+ 16:15 Аъм. 1:8, Қӯл. 1:23

+ 16:16 Аъм. 16:31, Рум. 10:9, 1 Пет. 3:21, Юҳ. 3:18

+ 16:17 Луқ. 10:17, Аъм. 5:16, Аъм. 8:7, Аъм. 16:18, Аъм. 19:12, Аъм. 2:4, Аъм. 10:46, 1 Қӯр. 12:10, 1 Қӯр. 14:2

+ 16:18 Заб. 90:13, Луқ. 10:19, Аъм. 28:3-5, Аъм. 9:12, Аъм. 28:8

+ 16:19 Луқ. 24:51, Аъм. 1:9, 1 Тим. 3:16, Заб. 109:1, Аъм. 7:55-56, 1 Пет. 3:22, Рум. 8:34, Эфс. 1:20, Қӯл. 3:1, Ибр. 1:3, Ибр. 8:1, Ибр. 12:2, Ваҳй 3:21

+ 16:20 Аъм. 5:12

# ИНҶИЛИ ЛУҚО


1 2 3 4 5 6 7 8 9 10
11 12 13 14 15 16 17 18 19 20
21 22 23 24

## Муқаддима.

1 [1] Азбаски бисьёр касон ба тартиб додани нақли воқеаҳое шурӯъ
кардаанд, ки рӯй доданошон дар миёни мо пурра маълум аст,
[2] Чунон ки аз ибтидо ба василаи шоҳидон ва ходимони Калом ба
мо расондаанд, —
[3] Ман низ салоҳ донистам, ки ҳама чизро аз худи аввал бодиққат
тадқиқ намуда, пай дар ҳам барои ту, эй Теофилуси мӯҳтарам,
бинависам,+
[4] То ки ту боэътимодии таълимотеро, ки дар он тарбият ёфтаӣ,
бидонӣ.

## Пешгӯии таваллуди Яҳъёи Таъмиддиҳанда.

[5] Дар айёми Ҳиродус, подшоҳи Яҳудо, Закарьё ном коҳине аз
навбати Абиё* буд, ва зани ӯ аз духтарони Ҳорун буда, Элисобаъ ном
дошт+.
[6] Ҳар дуи онҳо пеши Худо одил буданд ва аз рӯи тамоми аҳком ва
фароизи Худованд бекаму кост рафтор мекарданд+.
[7] Онҳо фарзанд надоштанд, зеро ки Элисобаъ нозой буд, ва ҳар ду
ба пиронсолагӣ расида буданд+.
[8] Боре, вақте ки ӯ бо навбати худ пеши Худо каҳонат мекард,+
[9] Мувофиқи таомули каҳонат, куръа ба номи ӯ баромад, ки ба
маъбади Худованд даромада, бухур кунад;+
[10] Ва дар вақти бухур карданаш тамоми ҷамоат дар берун дуо
мегуфтанд+.
[11] Баногоҳ фариштаи Худованд бар ӯ зоҳир гардида, дар тарафи
рости курбонгоҳи бухур истод+.
[12] Закарьё аз ин рӯъё музтариб шуда, ба ҳарос афтод.
[13] Аммо фаришта ба ӯ гуфт: «Эй Закарьё, натарс, зеро ки дуои ту
мустаҷоб шудааст, ва зани ту Элисобаъ ба ту писаре хоҳад зоид, ва
ӯро Яҳъё хоҳӣ номид+.
[14] Ва туро шодмонӣ ва хурсандӣ насиб хоҳад шуд, ва бисьёр касон
ба таваллуди ӯ шодӣ хоҳанд кард;
[15] Зеро ки ӯ дар назари Худованд бузург хоҳад буд, ва шароб ва
арақ нахоҳад нӯшид, ва аз шиками модари худ аз Рӯхулкудс пур
хоҳад буд,+

16 Ва бисьёр касонро аз банӣ-Исроил ба Худованд Худои онҳо
руҷӯъ хоҳад кунонд.
17 Ва пешопеши Ӯ бо рӯҳ ва кувваи Ильёс қадам хоҳад зад, то ки
дилҳои падаронро ба фарзандон ва номутеонро ба ҳикмати одилон
баргардонад ва халқи дурусте барои Худованд муҳайё созад»+.
18 Закарьё ба фаришта гуфт: «Инро аз рӯи чӣ бидонам? Зеро ки
ман пир ҳастам, зани ман низ ба пиронсолагӣ расидааст»+.
19 Фаришта дар ҷавоби ӯ гуфт: «Ман Ҷаброил ҳастам, ки ба хузури
Худо меистам, ва фиристода шудаам барои он ки бо ту сухан ронам
ва ин муждаро ба ту бирасонам+.
20 Ва инак, забонат лол шуда, то рӯзи ба амал омадани ин ту
имконияти гап задан нахоҳӣ дошт, аз барои он ки ба суханони ман,
ки дар вақти худ ба иҷро хоҳанд расид, имон наовардӣ».
21 Дар ин миён ҷамоат мунтазири Закарьё буданд ва тааҷҷуб
менамуданд, ки ӯ дар маъбад даранг мекунад.
22 Ва ҳангоме ки берун омад, ба онҳо гап зада натавонист, ва онҳо
фаҳмиданд, ки ӯ дар маъбад рӯъёе дидааст; ва ӯ ба онҳо имову ишора
мекард, ва забонаш лол шуда буд.
23 Вақте ки рӯзҳои хизматаш ба анҷом расид, ба хонаи худ рафт.
24 Ва баъд аз он рӯзҳо зани ӯ, Элисобаъ, ҳомила шуда, панҷ моҳ
худро аз ҳама пинҳон дошт, ва гуфт:
25 «Дар ин рӯзҳо Худованд назар карда, ба ман чунин амал кард, то
ки нанги маро аз миёни мардум бардорад»+.

## Хушхабар.

26 Ва дар моҳи шашум Ҷаброили фаришта аз ҷониди Худо ба
Носира ном шаҳри Ҷалил фиристода шуд+
27 Назди бокирае ки номзади Юсуф ном марде аз хонадони Довуд
буд; ва номи он бокира Марьям буд.
28 Ва фаришта назди вай даромада, гуфт: «Салом бар Ту, эй
пурфайз! Худованд бо туст; ту дар миёни занон муборак ҳастӣ»+.
29 Аммо вай ӯро дида, аз суханонаш музтариб шуд ва дар дили худ
гуфт, ки ин чӣ саломе бошад.
30 Ва фаришта ба вай гуфт: «Эй Марьям, натарс, зеро ки ту назди
Худо файз ёфтаӣ;

31 Ва инак, ҳомила шуда, Писаре ҳоҳӣ зоид, ва Ӯро Исо ҳоҳӣ
номид;+
32 Ва Ӯ бузург ҳоҳад буд ва Писари Ҳаққи Таоло номида ҳоҳад шуд;
ва Худованд Худо тахти падараш Довудро ба Ӯ хоҳад дод;+
33 Ва ӯ бар ҳонадони Яъқуб то абад салтанат хоҳад ронд, ва
салтанати Ӯ интиҳо нахоҳад дошт»+.
34 Марьям ба фаришта гуфт: «Ин чӣ гуна мешавад, дар сурате ки
ман бокира ҳастам?»
35 Фаришта дар ҷавоби вай гуфт: «Рӯҳулқудс бар ту хоҳад омад, ва
қуввати Ҳаққи Таоло бар ту соя ҳоҳад афканд; бинобар ин он
мавлуди Муқаддас ҳам Писари Худо номида ҳоҳад шуд;+
36 Инак, хеши ту, Элисобаъ, ки ӯро нозой меноманд, ӯ низ дар
пирии худ писаре дар шикам дорад, ва ҳоло моҳи шашуми ӯст;
37 Зеро ки назди Худо ҳеҷ каломе бе оқибат намемонад»+.
38 Маръям гуфт: «Инак, канизи Худованд ҳастам; бигзор бо ман аз
рӯи каломи ту бишавад». Ва фаришта аз пеши вай рафт.

## Марьям назди Элисобаъ меравад.

39 Дар он рӯзҳо Марьям роҳсипор шуда, бо шитоб ба шаҳре рафт,
ки дар кӯҳистони Яҳудо воқеъ аст,
40 Ва ба ҳонаи Закарьё даромада, ба Элисобаъ салом гуфт.
41 Ва чун Элисобаъ саломи Марьямро шунид, бача дар шикамаш ба
ҷунбиш омад; ва Элисобаъ аз Рӯҳулқудс пур шуд,
42 Ва бо овози баланд хитоб намуда, гуфт: «Ту дар миёни занон
муборак ҳастӣ, ва муборак аст самараи шиками ту!
43 Ва ин ба ман аз куҷост, ки модари Худованди ман назди ман
омадааст?
44 Зеро ки чун садои саломи ту ба гӯшам расид, бача аз шодӣ дар
шикамам ба ҷунбиш омад;
45 Ва хушо вай, ки имон овардааст, ки он чи аз ҷониби Худованд ба
вай гуфта шудааст, ба амал хоҳад омад».

## Таронаи Марьям.

46 Ва Марьям гуфт: «Ҷони ман Худовандро ситоиш мекунад,+
47 Ва рӯҳи ман аз Худои Наҷотдиҳандаи ман ба ваҷд омад,+

48 Ки Ӯ бар фурӯтании канизи Худ назар кардааст; зеро ки минбаъд ҳамаи наслҳо маро хушбахт хоҳанд хонд;+
49 Зеро ки он Қодир чизи бузурге барои ман ба амал овард, ва исми Ӯ муқаддас аст,+
50 Ва марҳамати Ӯ насл ба насл барои касонест, ки аз Ӯ метарсанд;+
51 Қуввати бозуи Худро зоҳир сохт; онҳоеро, ки аз андешаҳои дилашон мағрур буданд, пароканда кард;+
52 Зӯроваронро аз тахтҳо вожгун сохт ва фурӯтанонро сарафроз гардонд;+
53 Гуруснагонро аз неъматҳо пур кард, ва сарватдоронро тиҳидаст фиристод;+
54 Бандаи Худ Исроилро дастгирӣ кард, ба хотираи марҳамати Худ, —+
55 Чунон ки ба падарони мо гуфта буд, — ба Иброҳим ва насли ӯ то абад».
56 Ва Марьям қариб се моҳ назди ӯ монд ва баъд ба хонаи худ баргашт.

## Таваллуди Яҳъёи Таъмиддиҳанда.

57 Чун вақти зоидани Элисобаъ расид, ӯ писаре зоид.
58 Ва ҳамсояҳо ва хешу табори ӯ шуниданд, ки Худованд марҳамати Худро ба ӯ афзун кардааст, ва бо ӯ шод шуданд.
59 Ва дар рӯзи ҳаштум омаданд, ки кӯдакро хатна кунанд, ва мехостанд ӯро, аз рӯи номи падараш, Закарьё ном монанд+.
60 Лекин модараш дар ҷавоб гуфт: «Не, балки ӯ Яҳьё номида хоҳад шуд».
61 Ба вай гуфтанд: «Дар авлоди ту касе нест, ки чунин ном дошта бошад».
62 Ва бо имову ишорат аз падараш пурсиданд, ки ӯро чӣ ном ниҳодан мехоҳад.
63 Ӯ тахтачае талабида, бар он навишт: «Номи ӯ Яҳьёст». Ва ҳама мутааҷҷиб шуданд.
64 Дарҳол даҳон ва забони ӯ кушода шуд, ва ӯ ба сухан даромада, Худоро ҳамду сано хонд.

[65] Ва ҳамаи ҳамсояҳои онҳо ба ҳарос афтоданд; ва тамоми ин
воқеаро дар сар то сари кӯҳистони Яҳудо нақл мекарданд.
[66] Ва ҳар кӣ мешунавид, инро дар дили худ ҷо дода, мегуфт: «Ин
кӯдак кӣ хоҳад шуд?» Ва дасти Худованд бо ӯ буд.

## Таронаи Закарьё

[67] Падари ӯ, Закарьё, аз Рӯҳулқудс пур шуд ва нубувват намуда,
гуфт:
[68] «Муборак аст Худованд Худои Исроил, ки қавми Худро
парасторӣ намуда, ба вай халосӣ ато фармудааст,+
[69] Ва барои мо дар хонадони бандаи Худ Довуд шохи* наҷот барпо
кардааст,+
[70] Чунон ки аз қадим бо забони анбиёи муқаддаси Худ гуфтааст,
[71] Ки моро аз душманони мо ва аз дасти ҳамаи онҳое ки аз мо
нафрат доранд, наҷот хоҳад дод;+
[72] Ба падарони мо марҳамат намуда, аҳди муқаддаси Худро,+
[73] Қасамеро, ки Ӯ ба падари мо Иброҳим ёд карда буд, ба хотир
хоҳад овард,+
[74] Ва ба мо имконият хоҳад дод, ки аз дасти душманони худ халос
шуда, бе тарсу бим
[75] Ба Ӯ бо қудсият ва адолат хизмат кунем, дар ҳолате ки тамоми
айёми умри худ пеши Ӯ бошем.
[76] Ва ту, эй кӯдак, набии Ҳаққи Таоло хонда хоҳӣ шуд, зеро ки
пешопеши Худованд қадам хоҳӣ зад, то ки роҳҳои Ӯро муҳайё кунӣ+
[77] Ва ба қавми Ӯ бифаҳмонӣ, ки наҷот дар омурзиши гуноҳҳои
онҳост,+
[78] Аз умқи марҳамати Худои мо, ки бо он моро Найири Толеъ аз
олами боло парасторӣ намуд,+
[79] То ки касони дар торикӣ ва сояи марг нишастаро мунаввар
созад ва пойҳои моро ба роҳи осоиштагӣ равона кунад»+.
[80] Ва кӯдак калон шуда, рӯҳаш қавӣ мегашт, ва то рӯзе ки бар
Исроил зоҳир гардид, дар биёбонҳо буд+.

## Таваллуди Исо. Исми Ӯ.

**2** 1 •Дар он айём аз ҷониби қайсар Авғустус фармоне баромад, ки
дар тамоми рӯи замин* саршуморӣ гузаронанд+.
2 Дар замоне ки Кириниюс дар Сурия хукмронӣ мекард, ин
саршуморӣ аввалин буд.
3 Ва ҳама барои нависондани худ, ҳар яке ба шаҳри худ
мерафтанд.
4 Юсуф низ аз Ҷалил, аз шаҳри Носира, ба Яҳудо, ба шаҳри Довуд,
ки Байт-Лаҳм ном дорад, равона шуд, чунки ӯ аз хонадон ва авлоди
Довуд буд,+
5 То худро бо Марьям, ки номзади ӯ ва ҳомиладор буд, нависонад.
6 Ва ҳангоме ки онҳо дар он ҷо буданд, вақти зоидани вай расид;
7 Ва Писари нахустини худро зоид, ва Ӯро парпеч кард, ва Ӯро дар
охуре хобонид, чунки дар мусофирхона ҷое барои онҳо набуд.

## Парастиши чӯпонон.

8 Дар он сарзамин чӯпононе буданд, ки шабона дар ҳавои кушод
рамаи худро посбонӣ мекарданд.
9 Ва фариштаи Худованд бар онҳо зоҳир гардид, ва ҷалоли
Худованд дар гирду пешашон дурахшид, ва онҳо бағоят ҳаросон
шуданд+.
10 Фаришта ба онҳо гуфт: «Натарсед; зеро ки муждаи бузурге ба
шумо мерасонам, ки он барои тамоми қавм ҳоҳад буд:
11 Имрӯз барои шумо дар шаҳри Довуд Наҷотдиҳанда таваллуд
шуд, ки Ӯ Масеҳи Худованд аст;+
12 Ва ин аст аломат барои шумо: Кӯдакро парпечшуда ва дар охуре
хобида хоҳед ёфт»+.
13 Ногаҳон бо фаришта фавҷе аз лашкари осмон пайдо шуданд, ки
Худоро ҳамду сано хонда, мегуфтанд:+
14 «Худоро ҷалол дар арши аъло,
ва осоиштагӣ бар замин,
ва ҳусни таваҷҷӯҳ дар миёни мардум бод»+.
15 Вақте ки фариштагон аз пеши онҳо ба осмон сууд карданд,
чӯпонон ба якдигар гуфтанд: «Биёед, ба Байт-Лаҳм биравем ва он

чиро, ки дар он ҷо воқеъ шудааст, ва Худованд онро ба мо хабар додааст, бубинем».
16 Ва бо шитоб омаданд, ва Марьям ва Юсуф ва Кӯдакро, ки дар охур хобида буд, ёфтанд.
17 Ва чун диданд, он суханеро, ки ба онҳо дар бораи Ин Кӯдак гуфта шуда буд, нақл карданд.
18 Ва ҳамаи онҳое ки шуниданд, аз он чи чӯпонон ба онҳо нақл карданд, мутааҷҷиб шуданд.
19 Ва Марьям ҳамаи ин суханонро дар дили худ ҷо дода, нигоҳ медошт+.
20 Ва чӯпонон баргашта, Худоро ҳамду сано меҳонаданд ва ситоиш мекарданд барои ҳамаи он чизҳое ки шунида ва дида буданд, чунон ки ба онҳо гуфта шуда буд.

## Қурбонӣ дар маъбад барои модар ва Кӯдак.

## Хатнаи Исо.

21 Вақте ки дар ҳаштрӯзагӣ Ӯро хатна карданд, ба Ӯ Исо ном доданд, чунон ки фаришта Ӯро, пеш аз он ки дар шикам пайдо шавад, номида буд+.
22 Ва ҳангоме ки айёми татҳири онҳо мувофиқи шариати Мусо фаро расид, Ӯро ба Ерусалим оварданд, то ки ба Худованд пешниҳод кунанд,+
23 Чунон ки дар шариати Худованд навишта шудааст: «Ҳар махлуқи наринае ки батни модарро мекушояд*, муқаддаси Худованд хонда мешавад»;+
24 Ва мувофиқи он чи дар шариати Худованд гуфта шудааст, ду фохта ё ду чӯҷаи кабӯтар курбонӣ кунанд+.

## Парастиш ва нубуввати Шимъӯн.

25 Ва инак, дар Ерусалим Шимъӯн ном марде буд, ки марди одил ва парҳезгор ва мунтазири тасаллои Исроил буд, ва Рӯҳулқудс бар ӯ буд+.
26 Ва аз Рӯҳулқудс ба ӯ маълум шуда буд, ки то Масеҳи Худовандро набинад, фавтро нахоҳад дид.
27 Ва ӯ ба ҳидояти Рӯҳ ба маъбад омад. Ва ҳангоме ки Исои Кӯдакро падару модараш оварданд, то ки маросими шариатро бар Ӯ

ба ҷо оваранд,
28 Ӯро ба дасти худ гирифта, Худоро муборак хонд ва гуфт:
29 «Акнун, Эй Парвардигор, бандаи Худро,
мувофиқи ваъдаи Худ, ба саломатӣ ҷавоб медиҳӣ;
30 Зеро ки чашмони ман наҷоти Туро дид,+
31 Ки онро Ту пеши ҳамаи қавмҳо муҳайё сохтӣ:
32 Нурест, ки чашми халқҳоро кушояд,
ва ҷалоли қавми Исроили Ту бошад».
33 Ва Юсуф ва модари Ӯ аз он чи дар бораи Ӯ гуфта шуд, мутааҷҷиб
гардиданд.
34 Ва Шимъӯн онҳоро баракат дода, ба Марьям, модари Ӯ, гуфт:
«Инак, Ӯ барои ғалтидан ва бархостани бисьёр касон дар Исроил ва
барои аломати мунoқишот таъин шудааст, —
35 Дар ҷони Ту низ шамшере фурӯ хоҳад рафт, — то ки андешаҳои
дилҳои бисьёр ошкор шавад»+.

## Парастиши Ҳано.

36 Дар он ҷо низ набияе, Ҳано духтари Фануил, аз сибти Ошер буд,
ки хеле солхӯрда буд, ва аз давраи бакораташ ҳафт сол бо шавҳари
худ зиндагӣ карда буд,
37 Ва то ҳаштоду чорсолагӣ бева буд. Вай аз маъбад дур нашуда, бо
рӯза ва дуо шабу рӯз ба Худо ибодат мекард+.
38 Вай низ дар ҳамон соат пеш омада, Худовандро ҳамду сано хонд
ва ба ҳамаи онҳое ки мунтазири халосии Ерусалим буданд, дар
бораи Ӯ сухан ронд.

## Баргаштан ба Носира. Солҳои сокит.

39 Баъд аз он ки тамоми маросимро мувофиқи шариати Худованд
ба анҷом расонданд, ба Ҷалил, ба шаҳри худ Носира баргаштанд+.
40 Ва Кӯдак калон шуда, рӯҳаш қавӣ мегашт ва аз ҳикмат пур
мешуд, ва файзи Худо бар Ӯ буд.

## Исои дувоздаҳсола дар маъбад.

41 Ҳар сол падару модари ӯ барои иди фисҳ ба Ерусалим
мерафтанд+.

42 Инчунин вақте ки Ӯ дувоздаҳсола буд, онҳо аз рӯи таомули ид
ба Ерусалим омаданд,
43 Ва ҳангоме ки баъд аз итмоми айёми ид гашта мерафтанд, Исои
Наврас дар Ерусалим монд; ва инро Юсуф ва модари Ӯ пайхас
нарафтанд,+
44 Ба гумони он ки Ӯ бо аҳли қофила меояд; ва як рӯз роҳ паймуда,
дар миёни хешон ва ошноён ба ҷустуҷӯи Ӯ шурӯъ карданд;
45 Ва чун наёфтанд, барои кофта ёфтани Ӯ ба Ерусалим
баргаштанд.
46 Баъд аз се рӯз Ӯро дар маъбад ёфтанд, ки дар миёни муаллимон
нишаста, суханони онҳоро гӯш мекард ва ба онҳо савол медод;
47 Ва ҳамаи онҳое ки суханони Ӯро мешуниданд, аз ақли Ӯ ва аз
ҷавобҳои Ӯ мутааҷҷиб мешуданд.
48 Чун Ӯро диданд, дар ҳайрат монданд; ва модари Ӯ ба Ӯ гуфт: «Эй
Фарзандам! Чаро Ту бо мо чунин рафтор кардӣ? Инак, падарат ва ман
хеле ғусса хӯрда, Туро ҷустуҷӯ кардем».
49 Ба онҳо гуфт: «Чаро Маро ҷустуҷӯ кардед? Магар намедонистед,
ки Ман бояд дар ҳамон ҷое бошам, ки ба Падарам тааллуқ дорад?»
50 Вале онҳо ба суханоне ки Ӯ гуфт, сарфаҳм нарафтанд+.
51 Ва Ӯ бо онҳо равона шуда, ба Носира омад; ва дар итоати онҳо
буд. Ва модари Ӯ ҳамаи ин суханонро дар дили худ нигоҳ медошт+.
52 Ва Исо дар ҳикмат ва дар камол ва дар илтифот назди Худо ва
одамон тараққӣ мекард+.

## Хизматгузории Яҳъёи Таъмиддиҳанда.

3 1 •Дар соли понздаҳуми ҳукмронии қайсар Тибариюс, вақте ки
Понтиюс Пилотус дар Яҳудо фармонравоӣ мекард, ва Ҳиродус
тетрархи Ҷалил, ва бародараш Филиппус тетрархи Итурия ва
вилояти Тархонитус, ва Лисониюс тетрархи Абилин буд,+
2 Дар айёми саркоҳинон Ҳонон ва Қаёфо, каломи Худо ба Яҳъё
ибни Закарьё расид+.
3 Ва ӯ тамоми кишвари атрофи Урдунро тай карда, таъмиди
тавбаро барои омурзиши гуноҳҳо мавъиза менамуд,
4 Чунон ки дар китоби нутқҳои Ишаъёи набӣ навишта шудааст:
«Овози нидокунандае дар биёбон:
„роҳи Худовандро тайёр кунед,
тариқи Ӯро рост кунед;
5 Ҳар водӣ баланд,
ва ҳар кӯҳ ва теппа паст,
ва ҳар каҷӣ роҳи рост,
ва ҳар роҳи ноҳамвор ҳамвор хоҳад шуд;
6 Ва ҳар башар наҷоти Худоро хоҳад дид“.»+
7 Ва ба мардуме ки берун меомаданд, то ки аз ӯ таъмид ёбанд,
мегуфт: «Эй афъизодагон! Кӣ ба шумо талқин кард, ки аз ғазаби
оянда бигрезед+?
8 Акнун самаре оваред, ки сазовори тавба бошад, ва дар дили худ
нагӯед, ки „падари мо Иброҳим аст!“; зеро ба шумо мегӯям, ки Худо
қодир аст аз ин сангҳо барои Иброҳим фарзандон ба вуҷуд оварад;+
9 Ва алҳол теша бар решаи дарахтон гузошта шудааст: ҳар дарахте
ки меваи нағз надиҳад, бурида ва дар оташ андохта хоҳад шуд»+.
10 Мардум аз ӯ мепурсиданд: «Пас, чӣ кунем?»+
11 Дар ҷавоби онҳо мегуфт: «Касе ки ду курта дорад, ба касе ки
надорад, бидиҳад; ва касе ки хӯрок дорад, низ чунин амал кунад»+.
12 Боҷгирон низ барои таъмид омада, ба ӯ гуфтанд: «Эй устод, чӣ
кунем?»
13 Ба онҳо гуфт: «Бештар аз он чи барои шумо муқаррар шудааст,
талаб накунед».

[14] Сарбозон низ аз ӯ пурсида, гуфтанд: «Пас мо чӣ кунем?» Ба онҳо
гуфт: «Касеро озор надиҳед, дар ҳаққи касе тӯҳмат накунед, ва ба
маоши худ қаноат намоед»+.
[15] Ва ҳангоме ки мардум интизор меистоданд, ва ҳама дар дили
худ дар бораи Яҳьё андеша мекарданд, ки оё вай Масеҳ аст ё не, —+
[16] Яҳьё дар ҷавоби ҳамаи онҳо мегуфт: «Ман шуморо бо об таъмид
медиҳам, лекин Тавонотар аз ман меояд, ва ман сазовори он нестам,
ки даволи пойафзоли Ӯро воз кунам; Ӯ шуморо бо Рӯҳулқудс ва оташ
таъмид хоҳад дод;+
[17] Ӯ ғалбери Худро дар даст дорад, ва Ӯ хирмангоҳи Худро тоза
карда, гандумро дар анбори Худ гирд хоҳад овард, лекин коҳро дар
оташи хомӯшнашаванда хоҳад сӯзонд»+.
[18] Боз бисьёр чизҳои дигарро ба мардум башорат дода, онҳоро
насиҳат мекард.

## Ҳабс шудани Таъмиддиҳанда.

[19] Ва тетрарх Ҳиродус барои Ҳиродия, зани бародараш, ва барои
ҳамаи бадиҳое ки карда буд, ба мазаммати ӯ дучор шуда,
[20] Инро низ бар ҳамаи онҳо илова намуд, ки Яҳьёро дар зиндон
андохт+.

## Таъмиди Исо.

[21] •Ҳангоме ки тамоми мардум таъмид меёфтанд, ва Исо низ
таъмид ёфта, дуо мегуфт, осмон кушода шуд,+
[22] Ва Рӯҳулқудс дар шакли ҷисмонӣ, чун кабӯтаре, бар Ӯ нозил
шуд, ва овозе аз осмон омад, ки мегуфт: «Ту Писари Маҳбуби Ман
ҳастӣ; ҳусни таваҷҷӯҳи Ман бар Туст!»+

## Насабномаи Марьям, модари Исо.

[23] •Ва Исо, вақте ки ба хизмати Худ шурӯъ намуд, тақрибан сисола
буд, ва, чунон ки гумон мекарданд, писари Юсуф ибни Элӣ,+
[24] Ибни Маттот, ибни Левӣ, ибни Малкӣ, ибни Яннай, ибни Юсуф,
[25] Ибни Матитьё, ибни Омӯс, ибни Наҳум, ибни Ҳеслӣ, ибни
Наҷҷой,
[26] Ибни Маҳат, ибни Матитьё, ибни Шимъӣ, ибни Юсуф, ибни
Йӯдо,

27 Ибни Йӯҳонон, ибни Ресо, ибни Зарубобил, ибни Шаалтиил,
ибни Нерӣ,+
28 Ибни Малкӣ, ибни Аддӣ, ибни Кӯсом, ибни Элмадом, ибни Эр,
29 Ибни Йӯсе, ибни Элиззер, ибни Йӯрим, ибни Маттот, ибни Левӣ,
30 Ибни Шимъӯн, ибни Яҳудо, ибни Юсуф, ибни Йӯном, ибни
Эльёқим,
31 Ибни Мальё, ибни Мино, ибни Матато, ибни Нотон, ибни
Довуд,+
32 Ибни Йисой, ибни Ӯбид, ибни Бӯаз, ибни Салмӯн, ибни
Наҳшӯн,+
33 Ибни Аминодоб, ибни Ром, ибни Ҳесрӯн, ибни Форас, ибни
Яҳудо,+
34 Ибни Яъқуб, ибни Исҳоқ, ибни Иброҳим, ибни Тораҳ, ибни
Ноҳӯр,+
35 Ибни Саруҷ, ибни Рау, ибни Фолаҷ, ибни Эбар, ибни Шолаҳ,
36 Ибни Қенон, ибни Арфакшад, ибни Сом, ибни Нӯҳ, ибни Ломак,
37 Ибни Матушолаҳ, ибни Ҳанӯх, ибни Ёрад, ибни Маҳалалъил,
ибни Қенон,
38 Ибни Анӯш, ибни Шет, ибни Одам, ибни Худо буд+.

## Озмоиши Исо.

4 1 •Ва Исои пур аз Рӯҳулқудс аз Урдун баргашт, ва Рӯҳ Ӯро ба
биёбон бурд,
2 Ва чиҳил рӯз Ӯро иблис меозмуд, ва дар он рӯзҳо Ӯ чизе нахӯрд;
ва баъд аз тамом шудани онҳо гурусна монд+.
3 Ва иблис ба Ӯ гуфт: «Агар Ту Писари Худо бошӣ, ба ин санг
бигӯй, ки нон шавад».
4 Исо ба вай, ҷавоб дод: «Навишта шудааст, ки одамизод на танҳо
бо нон зиндагӣ мекунад, балки бо ҳар каломи Худо»+.
5 Ва Ӯро ба кӯҳи баланде бардошта бароварда, ҳамаи мамлакатҳои
ҷаҳонро дар лаҳзае ба Ӯ нишон дод,
6 Ва иблис ба Ӯ гуфт: «Тамоми салтанат ва ҷалоли онҳоро ба Ту
медиҳам, зеро ки он ба дасти ман супурда шудааст, ва ман, ба ҳар кӣ
хоҳам, онро медиҳам;+
7 Пас, агар Ту ба ман саҷда кунӣ, ҳамааш аз они Ту мешавад».
8 Исо дар ҷавоби вай гуфт: «Аз Ман дур шав, эй шайтон; навишта
шудааст, ки:
„Ба Худованд Худои худ саҷда кун
ва танҳо Ӯро ибодат намо“»+.
9 Ва Ӯро ба Ерусалим бурда, бар кунгураи маъбад гузошт, ва ба Ӯ
гуфт: «Агар Ту Писари Худо бошӣ, аз ин ҷо Худро ба зер андоз;
10 Зеро ки навишта шудааст:
„Ба фариштагони Худ дар бораи Ту амр хоҳад дод,
ки Туро нигоҳдорӣ кунанд;+
11 Ва Туро бар кафҳои худ бардошта хоҳанд бурд, ки мабодо пои
Худро ба санге бизанӣ“».
12 Исо дар ҷавоби вай гуфт: «Гуфта шудааст, ки: „Худованд Худои
худро наозмой“»+.
13 Ва иблис тамоми озмоишро ба итмом расонда, то муддате аз Ӯ
дур шуд.

## Хизматгузории Исо дар Ҷалил.

14 •Ва Исо бо қуввати рӯҳ ба Ҷалил баргашт, ва овозаи Ӯ дар
тамоми кишвар паҳн шуд.

15 Ва Ӯ дар куништҳои онҳо таълим медод, ва ҳама Ӯро ситоиш
мекарданд+.

## Исо дар куништи Носира.

16 Ва ба Носира, ки дар он ҷо тарбият ёфта буд, омад ва, аз рӯи
одати Худ, рӯзи шанбе ба куништ даромад ва барои қироат бархост+.
17 Ба Ӯ китоби Ишаъёи набиро доданд; ва Ӯ китобро кушода, ҷоеро
ёфт, ки чунин навишта шуда буд:
18 «Рӯҳи Худованд бар Ман аст;
зеро ки Ӯ Маро тадҳин намудааст,
то ки ба мискинон башорат диҳам,
ва Маро фиристодааст, то ки шикастадилонро шифо бахшам,
озодиро ба асирон ва биноиро ба кӯрон мавъиза намоям,
мазлумонро озод кунам+
19 Ва соли таваҷҷӯҳи Худовандро мавъиза намоям».
20 Ва китобро пӯшонда, ба ходим дод ва нишаст; ва чашмони ҳама
дар куништ ба Ӯ дӯхта шуда буд.
21 Ва Ӯ ба сухан оғоз намуда, ба онҳо гуфт: «Имрӯз ин навишта, ки
шумо гӯш кардед, ба иҷро расидааст».
22 Ва ҳама ба Ӯ шаҳодат медоданд, ва аз суханони файзбахше ки аз
даҳонаш мебаромад, мутааҷҷиб шуда, мегуфтанд: «Оё Ӯ писари Юсуф
нест?»
23 Ба онҳо гуфт: «Албатта, шумо ба Ман ин мақолро хоҳед гуфт:
„Эй табиб! Худатро шифо бидеҳ; ҳар он чи шунидаем, ки дар
Кафарнаҳум воқеъ шудааст, ин ҷо низ, дар ватани Худ бикун“»+.
24 Ва гуфт: «Ба ростӣ ба шумо мегӯям, ки ҳеҷ пайғамбаре дар
зодгоҳи худ мақбул нест+.
25 Аз рӯи ҳақиқат ба шумо мегӯям: бисьёр беваздоне дар Исроил
дар айёми Ильёс буданд, ки он вақт осмон се солу шаш моҳ баста
шуда буд, ба тавре ки дар тамоми рӯи замин қаҳтии сахте рӯй дод,+
26 Вале Ильёс назди ҳеҷ яке аз онҳо фиристода нашуд, балки фақат
назди бевазане ба Сорфатои Сидӯн;+
27 Ва бисьёр махавиён дар Исроил дар айёми Элишои набӣ буданд,
вале ҳеҷ яке аз онҳо пок нашуд, балки фақат Наамони сурьёнӣ»+.
28 Тамоми аҳли куништ инро шунида, пур аз ғазаб шуданд,

29 Ва бархоста, Ӯро аз шаҳр бадар карданд ва бар қуллаи кӯҳе ки
шаҳрашон бар он сохта шуда буд, бурданд, то ки Ӯро ба зер афкананд;
30 Аммо Ӯ аз миёни онҳо гузашта, ба роҳи Худ рафт+.

## Исо дар Кафарнаҳум.

31 •Ва ба Кафарнаҳум, шаҳри Ҷалил, омад, ва дар рӯзҳои шанбе
онҳоро таълим медод+.
32 Ва онҳо аз таълими Ӯ дар ҳайрат монданд, зеро ки каломи Ӯ
боқудрат буд+.
33 Дар куништ касе буд, ки рӯҳи деви палид дошт, ва бо овози
баланд фарьёд зада, гуфт:
34 «Туро бо мо чӣ кор аст, эй Исои Носирӣ? Ту барои нест кардани
мо омадаӣ! Ман медонам, ки Ту кистӣ, эй Қуддуси Худо!»+
35 Исо вайро манъ карда, гуфт: «Хомӯш шав ва аз вай берун ой!» Ва
дев ӯро дар миёна афтонда, аз ӯ берун шуд, ва ҳеҷ осебе ба ӯ
нарасонд+.
36 Ҳама ба воҳима афтоданд, ва ба якдигар мегуфтанд: «Ин чӣ
гапест, ки Ӯ бо қудрат ва қувват ба арвоҳи палид амр мефармояд, ва
онҳо берун меоянд?»
37 Ва овозаи Ӯ дар тамоми гирду атроф паҳн шуд.

## Исо модарарӯси Петрус ва бисьёр касони дигарро шифо медиҳад.

38 •Ӯ аз куништ баромада, ба хонаи Шимъӯн омад; модарарӯси
Шимъӯн ба табларзаи сахте гирифтор буд; ва дар хусуси вай аз Ӯ
илтимос карданд+.
39 Ва Ӯ наздики вай омада, табларзаро манъ кард; ва он нест шуд.
Вай дарҳол бархоста, ба парастории онҳо машғул гашт.
40 Дар вақти фурӯ рафтани офтоб ҳамаи онҳое ки беморони
гирифтори касалиҳои гуногун доштанд, онҳоро назди Ӯ меоварданд,
ва Ӯ ба ҳар яке аз онҳо даст гузошта, онҳоро шифо медод.
41 Девҳо низ аз бисъёр касон берун омада, бо фарёд мегуфтанд:
«Ту Масеҳ Писари Худо ҳастӣ». Аммо Ӯ онҳоро манъ карда,
намегузошт сухан ронанд, зеро ки Масеҳ будани Ӯро медонистанд+.

## Исо дар тамоми Яҳудо мавъиза менамояд.

42 •Чун субҳ дамид, Ӯ берун омада, ба хилватгоҳе рафт, вале
мардум Ӯро кофта ёфтанд ва назди Ӯ омаданд, ва Ӯро нигоҳ
медоштанд, ки аз пешашон наравад+.
43 Ба онҳо гуфт: «Ман бояд ба шаҳрҳои дигар низ аз Малакути Худо
башорат диҳам, чунки барои ҳамин фиристода шудаам»+.
44 Ва дар куништҳои Ҷалил мавъиза мекард.

## Моҳигирии мӯъҷизаосо.

5 [1] •Боре, вақте ки мардуми бисьёре аз ҳар тараф Ӯро фишор
медоданд, то ки каломи Худоро гӯш кунанд, ва Ӯ дар канори кӯли
Ҷинесор истода буд, —+
[2] Ду қаиқро дид, ки дар кӯл истода буданд, ва сайёдони моҳӣ аз
онҳо берун омада, тӯрҳои худро шустушӯй мекарданд.
[3] Ба яке аз қаиқҳо, ки аз они Шимъӯн буд, савор шуда, аз вай
хоҳиш кард, ки андаке аз соҳил дуртар ронад, ва Ӯ дар қаиқ нишаста,
мардумро таълим медод.
[4] Ва ҳангоме ки суханаш ба поён расид, ба Шимъӯн гуфт: «Ба
чуқуроб бирон, ва тӯрҳои худро барои сайд андозед»+.
[5] Шимъӯн дар ҷавоби Ӯ гуфт: «Эй Устод! Тамоми шаб заҳмат
кашида, чизе нагирифтем; лекин аз рӯи сухани Ту тӯрро меандозам».
[6] Ва онҳо чунин карданд, ва миқдори зиёди моҳиро сайд карданд,
ва кам монда буд, ки тӯрашон кафида равад.
[7] Ва ба рафиқони худ, ки дар қаиқи дигар буданд, ишорат карданд,
ки ба ёрии онҳо биёянд; ва онҳо омада, ҳар ду қаиқро пур карданд, ба
тавре ки қариб буд зери об раванд.
[8] Шимъӯни Петрус, чун инро дид, пеши Исо зону зада, гуфт:
«Худовандо! Аз пеши ман бирав, чунки ман шахси гуноҳкор
ҳастам»+.
[9] Зеро ки вай ва ҳамаи ҳамроҳонаш аз ин сайди моҳиёне ки ба
даст оварда буданд, дар даҳшат афтоданд,
[10] Ва ҳамчунин Яъқуб ва Юҳанно, писарони Забдой низ, ки
шарикони Шимъӯн буданд. Ва Исо ба Шимъӯн гуфт: «Натарс;
минбаъд одамонро сайд хоҳӣ кард»+.
[11] Ва ҳар ду қаиқро ба соҳил баровcovarданд, ва ҳамаро тарк карда, аз
ақиби Ӯ равона шуданд.

## Исо махавиро шифо медиҳад.

[12] •Вақте ки Исо дар яке аз шаҳрҳо буд, марде пур аз махав омад
ва, чун Исоро дид, рӯй ба замин ниҳода, аз Ӯ илтимос кард:
«Худовандо! Агар хоҳӣ, метавонӣ маро пок кунӣ»+.

13 Ӯ дасти Худро дароз карда, вайро ламс намуд ва гуфт:
«Мехоҳам, пок шав!» Ва дарҳол махав аз вай нест шуд.
14 Ва Ӯ ба вай таъин кард, ки ба ҳеҷ кас гап назанад, балки рафта
худро ба кохин нишон диҳад ва барои пок шудани худ он ҳадияро, ки
Мусо фармудааст, такдим кунад, то ба онҳо шаҳодате гардад+.
15 Аммо овозаи Ӯ торафт паҳн мешуд, ва шумораи зиёди мардум
назди Ӯ ҷамъ меомаданд, то ки каломашро гӯш кунанд ва аз
касалиҳои худ шифо ёбанд.
16 Ва Ӯ ба ҷойҳои хилват мерафт ва дуо мегуфт+.

## Шифо ёфтани мафлуҷ.

17 •Рӯзе аз рӯзҳо, вақте ки Ӯ таълим медод, ва фарисиён ва
муаллимони шариат аз тамоми деҳоти Ҷалил ва аз Яҳудо ва
Ерусалим омада, дар он ҷо нишаста буданд, ва қуввати Худованд дар
шифо доданаш зоҳир мешуд, —+
18 Инак, якчанд кас марди мафлуҷеро бо бистараш бардошта
оварданд, ва мехостанд вайро даровarda, пеши Ӯ бигузоранд,
19 Вале ба сабаби бисьёрии мардум роҳе барои даровардани вай
наёфта, болои бом баромаданд ва аз миёни сафолҳои он вайро бо
бистараш ба миёнаи хона пеши Исо поён фуроварданд.
20 Ва Ӯ имони онҳоро дида, гуфт: «Эй одамизод, гуноҳҳои ту
омурзида шуд»+.
21 Китобдонон ва фарисиён дар дили худ андеша карда,
мегуфтанд: «Ин кист, ки куфр мегӯяд? Ҷуз Худои ягона кист, ки
гуноҳҳоро омурзида тавонад?»+
22 Исо андешаҳои онҳоро пай бурда, дар ҷавоби онҳо гуфт: «Шумо
дар дили худ чӣ андешаҳо доред?
23 Кадомаш осонтар аст: гуфтани он ки „гуноҳҳои ту омурзида
шуд“, ё гуфтани он ки „бархез ва равона шав“?
24 Лекин то бидонед, ки Писари Одам дар рӯи замин қудрати
омурзидани гуноҳҳоро дорад» — ба мафлуҷ гуфт: «Ба ту мегӯям:
бархез, бистари худро бардор ва ба хонаи худ равона шав».
25 Вай дарҳол дар пеши назари онҳо бархост, бистари худро
бардошт ва, Худоро сипоскунон, ба хонаи худ равона шуд.

[26] Ва ҳама дар ҳайрат монданд, ва Худоро ҳамду сано мехонданд, ва дар ҳолате ки пур аз тарсу ҳарос буданд, мегуфтанд: «Имрӯз чизҳои аҷоибе дидем».

## Даъват кардани Матто. Исо бо боҷгирон ва гуноҳкорон хӯрок мехӯрад.

[27] •Баъд аз ин Ӯ берун рафта, Левӣ ном боҷгиреро дид, ки дар боҷгоҳ нишаста буд, ва ба вай гуфт: «Аз паи Ман биё».
[28] Вай ҳама чизро тарк карда, бархост ва аз паи Ӯ равона шуд.
[29] Ва Левӣ дар хонаи худ барои Ӯ зиёфати калоне дод, ва шумораи зиёди боҷгирон ва касони дигар дар он ҷо буданд, ва онҳо бо Ӯ назди суфра нишастанд+.
[30] Китобдонон ва фарисиён норизогӣ баён намуда, ба шогирдони Ӯ гуфтанд: «Чаро шумо бо боҷгирон ва гуноҳкорон мехӯред ва менӯшед?»+
[31] Исо дар ҷавоби онҳо гуфт: «На тандурустон, балки беморон ба табиб ҳоҷат доранд;
[32] Ман омадаам, ки на одилонро, балки гуноҳкоронро ба тавба даъват кунам»+.

## Масъалаи рӯзадорӣ.

[33] •Ба Ӯ гуфтанд: «Чаро шогирдони Яҳьё бисьёр рӯза медоранд ва дуо мегӯянд, ҳамчунин шогирдони фарисиён низ, лекин шогирдони Ту мехӯранд ва менӯшанд?»+
[34] Ба онҳо гуфт: «Оё метавонед аҳли кӯшки никоҳро, модоме ки домод бо онҳост, ба рӯзадорӣ водор намоед+?
[35] Лекин айёме хоҳад расид, ки домод аз онҳо гирифта шавад, ва он гоҳ, дар он айём рӯза хоҳанд дошт»+.

## Масалҳо дар бораи ҷома ва машк.

[36] Дар айни ҳол ба онҳо ин масалро гуфт: «Ҳеҷ кас порчае аз ҷомаи нав гирифта, бар ҷомаи кӯҳна ямоқ намемонад; вагар на, ҳам ҷомаи навро пора мекунад, ва ҳам ямоқи нав ба ҷомаи кӯҳна мувофиқ намеояд.

37 Ва ҳеҷ кас шароби навро дар машки кӯҳна намеандозад; вагар на
шароби нав машкро дарида, ҳам худаш мерезад, ва ҳам машк талаф
мешавад;
38 Лекин шароби навро дар машки нав андохтан лозим аст; дар он
сурат ҳар ду маҳфуз хоҳанд монд.
39 Ва ҳеҷ кас шароби кӯҳнаро нӯшида, дарҳол навашро талаб
намекунад, зеро ки мегӯяд: „шароби кӯҳна хуб аст“».

## Исо ва қоидаҳои яҳудиён дар бораи рӯзи шанбе.

6 [1] •Як рӯзи шанбе чунин воқеъ шуд, ки Ӯ аз миёни киштзор
мегузашт, ва шогирдони Ӯ хӯшаҳоро мечиданд ва ба каф молида,
мехӯрданд+.
[2] Ва баъзе аз фарисиён ба онҳо гуфтанд: «Чаро шумо коре
мекунед, ки кардани он дар шанбе раво нест?»+
[3] Исо дар ҷавоби онҳо гуфт: «Магар нахондаед, ки Довуд чӣ кард,
ҳангоме ки худаш ва ҳамроҳонаш гурусна буданд+?
[4] Чӣ гуна вай ба хонаи Худо даромада, нони тақдимро гирифта
хӯрд, ва ба ҳамроҳони худ низ дод, ва ҳол он ки хӯрдани он раво
набуд, ҷуз барои коҳинон?»+
[5] Ва ба онҳо гуфт: «Писари Одам оғои шанбе низ мебошад».

## Шифо ёфтани дастхушк.

[6] Як рӯзи шанбеи дигар Ӯ ба куништ даромада, таълим медод, ва
дар он ҷо марде буд, ки дасти росташ хушк шуда буд+.
[7] Китобдонон ва фарисиён аз паи Ӯ мепоиданд, ки шояд дар рӯзи
шанбе шифо диҳад, то ки айбе ба гардани Ӯ бор кунанд+.
[8] Ва Ӯ андешаҳои онҳоро пай бурда, ба марди дастхушк гуфт:
«Бархез ва дар миёнҷо биист». Вай бархост ва истод.
[9] Ва Исо ба онҳо гуфт: «Аз шумо мепурсам, ки дар рӯзи шанбе
кадом кор ҷоиз аст: некӣ кардан, ё бадӣ кардан? ҷонеро наҷот додан,
ё ҳалок кардан?»+
[10] Ва ба ҳамаи онҳо назар афканда, ба он мард гуфт: «Дасти худро
дароз кун». Вай чунин кард, ва дасташ мисли дасти дигараш сиҳат
шуд+.
[11] Аммо онҳо бисьёр дарғазаб шуда, бо ҳамдигар муҳокима
мекарданд, ки ба Исо чӣ кунанд.

## Интихоб шудани дувоздаҳ нафар ва номҳои онҳо.

[12] •Дар он айём Ӯ барои дуо гуфтан ба фарози кӯҳе баромад ва
тамоми шаб ба Худо дуо гуфт.
[13] Вақте ки чашми рӯз кушода шуд, шогирдони Худро даъват
намуда, аз онҳо дувоздаҳ нафарро интихоб кард, ва ба онҳо номи
ҳавворийёнро дод, ки инҳоянд:

[14] Шимъӯн, ки ӯро Петрус номид, ва бародараш Андриёс, Яъқуб ва
Юҳанно, Филлиппус ва Барталмо,+
[15] Матто ва Тумо, Яъқуб ибни Ҳалфой ва Шимъӯн, ки лақабаш
Ғаюр буд,+
[16] Яҳудо ибни Яъқуб ва Яҳудои Исқарьют, ки баъдтар
таслимкунандаи Ӯ шуд+.

## Фаъолияти Исо то ҳудуди Яҳудо вусъат меёбад.

[17] •Ва бо онҳо фурӯд омада, бар ҷои ҳамворе истод, ва шумораи
зиёди шогирдонаш ва мардуми бисьёре аз тамоми Яҳудо ва
Ерусалим ва аз соҳили Сӯр ва Сидӯн ҷамъ омаданд,
[18] То ки каломи Ӯро гӯш кунанд ва аз касалиҳои худ шифо ёбанд;
дар байнашон ҳамчунин гирифторони арвоҳи палид буданд; ва шифо
меёфтанд.
[19] Ва тамоми издиҳом саъю кӯшиш мекарданд, ки Ӯро ламс
намоянд, чунки қуввате аз Ӯ берун омада, ҳамаро шифо мебахшид+.

## Мавъизаи Исо:

## 1. Аҳкоми хушбахтӣ.

[20] Ва Ӯ ба шогирдони Худ чашм андохта, гуфт: «Хушо шумо, эй
мискинон, зеро ки Малакути Худо аз они шумост+.
[21] Хушо шумо, ки ҳоло гурусна ҳастед, зеро ки сер хоҳед шуд.
Хушо шумо, ки ҳоло гирьён ҳастед, зеро ки хандон хоҳед шуд+.
[22] Хушо шумо, вақте ки мардум ба хотири Писари Одам аз шумо
нафрат намоянд, ва шуморо дур кунанд, ва дашном диҳанд, ва номи
шуморо ба бадӣ бароварда, рад кунанд+.
[23] Дар он рӯз шодӣ кунеду ба ваҷд биёед, зеро ки мукофоти шумо
дар осмон бузург аст. Падарони онҳо бо анбиё ҳамин тавр рафтор
карда буданд+.

## 2. Эълон кардани: вой бар ҳоли шумо!

[24] Бар акси ин, вой бар ҳоли шумо, эй сарватдорон! Зеро ки шумо
аллакай тасаллои худро ёфтаед+.
[25] Вой бар ҳоли шумо, эй касоне ки ҳоло сер ҳастед! Зеро ки
гурусна хоҳед монд. Вой бар ҳоли шумо, эй касоне ки ҳоло хандон
ҳастед, зеро ки мотам хоҳед гирифт ва гирья хоҳед кард+.

[26] Вой бар ҳоли шумо, вақте ки тамоми мардум шуморо таъриф
кунанд. Зеро ки падарони онҳо бо анбиёи козиб ҳамин тавр рафтор
карда буданд+.

## 3. Бартараф кардани бадӣ ба воситаи муҳаббат.

[27] •Лекин ба шумо, эй шунавандагон, мегӯям: душманони худро
дӯст бидоред, ба нафраткунадагони худ некӣ кунед,
[28] Барои лаънаткунандагони худ баракат бихоҳед ва барои
озордиҳандагони худ дуо гӯед+.
[29] Ҳар кӣ ба рухсораи ту торсакӣ занад, дигарашро низ сӯи вай
бигардон; ва ҳар кӣ ҷомаи туро кашида гирад, дар гирифтани
куртаат низ ба вай монеъ нашав+.
[30] Ҳар кӣ аз ту чизе талаб кунад, ба вай бидеҳ, ва ҳар кӣ чизи туро
бигирад, гашта доданашро талаб накун+.
[31] Ва чӣ тавре аз мардум мехоҳед, ки ба шумо кунанд, шумо низ ба
онҳо ҳамон тавр кунед+.
[32] Ва агар касонеро дӯст доред, ки шуморо дӯст медоранд, ин чӣ
эҳсон аст аз ҷониби шумо? Зеро ки гуноҳкорон низ дӯстдорандагони
худро дӯст медоранд.
[33] Ва агар ба касоне некӣ кунед, ки ба шумо некӣ мекунанд, ин чӣ
эҳсон аст аз ҷониби шумо? Зеро ки гуноҳкорон низ чунин мекунанд.
[34] Ва агар ба касоне қарз диҳед, ки ба гашта гирифтан аз онҳо умед
доред, ин чӣ эҳсон аст аз ҷониби шумо? Зеро ки гуноҳкорон низ ба
гуноҳкорон қарз медиҳанд, то ки аз онҳо ҳамон қадар гашта гиранд.
[35] Лекин шумо душманони худро дӯст бидоред, ва некӣ кунед, ва
карз диҳед, бе он ки ба талофии он умедвор шавед; ва мукофоти
шумо бузург хоҳад буд, ва писарони Ҳаққи Таоло хоҳед буд; зеро ки Ӯ
ба носипосон ва бадон меҳрубон аст+.
[36] Пас, раҳмдил бошед, чунон ки Падари шумо раҳим аст+.

## 4. Ба муқобили маҳкум кардани дигарон.

[37] •Доварӣ накунед, ва ба доварӣ дучор нахоҳед шуд; маҳкум
накунед, ва маҳкум наҳоҳед шуд; бибахшед ва бахшида хоҳед шуд;+
[38] Бидиҳед, ва ба шумо дода хоҳад шуд: ба андозаи хуби
чунбонидаю фишурдашуда ва лабрез ба домани шумо хоҳанд рехт;

зеро ба кадом андоза, ки чен кунед, ба ҳамон андоза ба шумо чен карда хоҳад шуд»+.

39 Ва масале низ ба онҳо гуфт: «Оё метавонад кӯре ба кӯри дигар роҳнамоӣ кунад? Оё ҳар ду дар чоҳ намеафтанд+?

40 Шогирд аз муаллими худ авло нест; аммо, пас аз такмил ёфтан ҳам, ҳар кас чун муаллимаш хоҳад буд+.

41 Чаро ту хасеро дар чашми бародари худ мебинӣ, вале чӯберо дар чашми худ дарнамеёбӣ?

42 Ё чӣ тавр метавонӣ ба бародари худ гӯӣ: „Эй бародар! Иҷозат деҳ хасро аз чашми ту дур кунам“, дар сурате ки чӯбро дар чашми худ намебинӣ? Эй риёкор! Аввал чӯбро аз чашми худ дур кун, ва он гоҳ дуруст хоҳӣ дид, ки хасро аз чашми бародари худ дур кунӣ.

## 5. Дар бораи ба ҷо овардани иродаи Худо.

43 •Дарахти хубе нест, ки меваи бад меоварда бошад; ва дарахти баде нест, ки меваи хуб меоварда бошад.

44 Зеро ки ҳар дарахт аз меваааш шинохта мешавад; чунки аз буттаи олуча анҷир намегиранд, ва аз мушхор ангур намечинанд.

45 Шахси нек аз ганҷинаи неки дилаш чизи нек берун меоварад, ва шаҳси бад аз ганҷинаи бади дилаш чизи бад берун меоварад; зеро ки даҳони вай аз пурии дил сухан мегӯяд+.

## 6. Масал дар бораи хонае ки бар санг бино шудааст.

46 •Чаро Маро „Худовандо! Худовандо!“ мегӯед, вале он чиро ки Ман мегӯям, ба ҷо намеоваред+?

47 Ҳар кӣ назди Ман биёяд ва суханони Маро бишнавад ва онҳоро ба ҷо оварад, ба шумо мефаҳмонам, ки вай ба кӣ монанд аст:

48 Вай ба касе монанд аст, ки хонае месохт, ва заминро чукур канда, таҳкурсиро бар санг гузошт, ва ҳангоме ки сел омада, оби наҳр он ҳонаро зер кард, онро аз ҷояш чунбонда натавонист, чунки бар санг бино шуда буд+.

49 Лекин ҳар кӣ бишнавад ва ба ҷо наоварад, ба касе монанд аст, ки хонаашро бар рӯи хок бе таҳкурсӣ бино кард, ва ҳангоме ки оби наҳр онро зер кард, дарҳол фурӯ рафт, ва харобии он хона бузург буд».

## Шифо ёфтани ғуломи мирисад.

7 [1] •Вақте ки Ӯ ҳамаи суханони Худро ба самъи мардум расонда
тамом кард, ба Кафарнаҳум ворид шуд.
[2] Ғуломи як мирисад, ки барояш азиз буд, касал шуда, ба ҳолати
назъ расида буд.
[3] Вай овозаи Исоро шунида, пирони яҳудиро назди Ӯ фиристод, то
аз Ӯ илтимос кунанд, ки омада ғуломи вайро шифо диҳад.
[4] Ва онҳо назди Исо омаданд, ва аз ӯ бисьёр илтимос карда,
гуфтанд: «Вай сазовори он аст, ки ин корро барояш бикунӣ,+
[5] Зеро ки вай қавми моро дӯст медорад ва барои мо куништ
иморат кард».
[6] Исо бо онҳо рафт. Ва ҳангоме ки ба наздикиҳои хона расид,
мирисад дӯстонашро назди Ӯ фиристод, то ки ба Ӯ гӯянд: «Оғо!
Ташвиш накаш, зеро ман лоиқи он нестам, ки Ту зери сақфи ман
биёӣ;
[7] Ба ин сабаб худамро низ лоиқ надонистам, ки назди Ту биёям;
балки сухане бигӯ, ва ғуломи ман шифо хоҳад ёфт;+
[8] Зеро ки ман ҳам як фармонбар ҳастам, ва дар зери итоати худ
сарбозонро дорам; ба яке мегӯям: „Бирав“, меравад; ба дигаре
мегӯям: „Биё“, меояд; ва ба ғуломи худ мегӯям: „Фалон корро
бикун“, мекунад».
[9] со ин суханонро шунида, дар тааҷҷуб монд, ва ба мардуме ки аз
ақиби Ӯ мерафтанд, рӯ гардонда, гуфт: «Ба шумо мегӯям, ки Ман дар
Исроил ҳам чунин имоне наёфтаам».
[10] Ва фиристодагон ба хона баргашта, он ғуломи беморро
тандуруст ёфтанд.

## Исо писари бевазанро дар Ноин зинда мекунад.

[11] Баъд аз он Ӯ ба шаҳре рафт, ки Ноин ном дорад; ва бисьёре аз
шогирдонаш ва шумораи зиёди мардум ҳамроҳи Ӯ мерафтанд.
[12] Вақте ки Ӯ ба дарвозаи шаҳр наздик шуд, мурдаеро
мебароварданд, ки писари ягонаи бевазане буд; ва мардуми бисьёре
аз аҳли шаҳр бо вай равона буданд.
[13] Ва Худованд вайро дида, дилаш ба вай сӯхт ва ба вай гуфт:
«Гирья накун»+.

[14] Ва наздик омада, тобутро ламс намуд; тобутбардорон
бозистоданд; ва Ӯ гуфт: «Эй ҷавон! Ба ту мегӯям, бархез»+.
[15] Мурда сар бардошта, нишаст ва ба сухан даромад; ва Ӯ вайро ба
модараш супурд+.
[16] Ва ҳамаро тарсу ҳарос фаро гирифт, ва Худоро ҳамду сано
хонда, мегуфтанд: «Пайғамбари бузурге дар миёни мо пайдо
шудааст, ва Худо қавми Худро тафаққуд намудааст»+.
[17] Ин ақида дар бораи Ӯ дар тамоми Яҳудо ва дар тамоми гирду
атроф паҳн шуд.
[18] •Ва шогирдони Яҳьё ҳамаи инро ба ӯ хабар доданд.

## Саволи Таъмиддиҳанда ва ҷавоби Исо.

[19] Ва Яҳьё ду нафарро аз шогирдони худ даъват намуда, назди Исо
фиристод, то ки бипурсанд: «Оё Ту Ҳамон ҳастӣ, ки бояд биёяд, ё
мунтазири дигаре бошем?»+
[20] Онҳо назди Ӯ омада, гуфтанд: «Яҳьёи Таъмиддиҳанда моро
назди Ту фиристод, то ки бипурсем: „Оё Ту Ҳамон ҳастӣ, ки бояд
биёяд, ё мунтазири дигаре бошем?“»
[21] Дар ҳамон вақт Ӯ бисьёр касонро аз касалиҳо ва дардҳо ва аз
арвоҳи палид шифо дода ва кӯрони бисьёрро биноӣ бахшида буд.
[22] Ва Исо дар ҷавоби онҳо гуфт: «Биравед ва он чи дидед ва
шунидед, ба Яҳьё бигӯед: кӯрҳо мебинанд, шалҳо роҳ мераванд,
махавиён пок мешаванд, карҳо мешунаванд, мурдагон эҳьё
мешаванд, ба мискинон башорат дода мешавад;+
[23] Ва хушо касе ки дар ҳаққи Ман ба васваса наафтад»+.

## Шаҳодати Исо дар бораи Яҳьё.

[24] Ва ҳангоме ки фиристодагони Яҳьё баромада рафтанд, ба ҳама
дар бораи Яҳьё ба сухан оғоз кард: «Барои дидани чӣ чиз ба биёбон
рафта будед? Оё барои дидани қамише ки аз бод меларзад+?
[25] Пас барои дидани чӣ чиз рафта будед? Оё барои дидани марде
ки сару либоси нарм дар бар дорад? Аммо онҳое ки сару либоси зебо
дар бар доранд ва бо айшу нӯш зиндагӣ мекунанд, дар қасрҳои
подшоҳонанд.
[26] Пас барои дидани чӣ чиз рафта будед? Оё барои дидани як набӣ?
Оре, ба шумо мегӯям, ки вай аз набӣ ҳам бузургтар аст+.

[27] Вай ҳамон аст, ки дар бораи вай навишта шудааст:
„Инак, Ман косиди Худро пешопеши Ту мефиристам,
то роҳи Туро пеши Ту муҳайё кунад“+.
[28] Зеро ки ба шумо мегӯям: аз миёни онҳое ки аз зан таваллуд
ёфтаанд, ҳеҷ як набие бузургтар аз Яҳьёи Таъмиддиҳанда нест;
лекин он ки дар Малакути Худо хурдтарин аст, аз вай бузургтар
аст»+.
[29] Вақте ки тамоми мардум ва боҷгироне ки бо таъмиди Яҳьё
таъмид гирифта буданд, шуниданд, Худоро ҳамду сано хонданд+.

## Исо беақлии беимониро фош мекунад.

[30] Аммо фарисиён ва шариатдонон иродаи Худоро дар ҳаққи
худашон рад карданд, зеро аз вай таъмид нагирифтанд.
[31] Ва Худованд гуфт: «Пас одамони ин наслро ба кӣ монанд кунам?
Ва онҳо ба кӣ монандӣ доранд?
[32] Онҳо ба кӯдаконе монандӣ доранд, ки дар кӯча нишаста ва
якдигарро ҷеғ зада, мегӯянд: „Барои шумо най навохтем, рақс
накардед; барои шумо навҳагарӣ кардем, нагиристед“.
[33] Зеро ки Яҳьёи Таъмиддиҳанда омад, ки на нон мехӯрад ва на
шароб менӯшад; ва шумо мегӯед: „Вай дев дорад“+.
[34] Писари Одам омад, ки мехӯрад ва менӯшад, ва шумо мегӯед:
„Инак марди пурхӯр ва майгусор, ки дӯсти боҷгирон ва гуноҳкорон
аст“+.
[35] Ва ҳикмат аз тарафи ҳамаи фарзандони он тасдиқ карда шуд».

## Зани гуноҳкор, ки гуноҳаш афв шуда буд, ба нишонаи миннатдорӣ Исоро бо равғани атрафшон тадҳин мекунад.

[36] •Яке аз фарисиён аз Ӯ хоҳиш кард, ки бо вай хӯрок хӯрад; ва Ӯ ба
хонаи фарисӣ даромада, назди суфра нишаст.
[37] Ва инак, зане ки дар он шаҳр гуноҳкор буд, чун шунид, ки Ӯ дар
хонаи фарисӣ назди суфра нишастааст, зарфи гаҷине бо равғани
атрафшон овард;
[38] Ва аз қафо назди пойҳои Ӯ истода, гирьякунон пойҳои Ӯро бо
ашки худ шуст ва бо мӯйҳои сари худ хушконид, ва пойҳои Ӯро
бӯсида, бо равғани атрафшон тадҳин кард.

39 Фарисие ки Ӯро таклиф карда буд, чун инро дид, дар дили худ
гуфт: «Агар Ӯ набӣ мебуд, медонист, ки вай кист ва чӣ гуна зан аст,
ки Ӯро ламс мекунад, зеро ки вай гуноҳкор аст»+.
40 Исо ба ӯ рӯ оварда гуфт: «Эй Шимъӯн! Ба ту чизе гуфтанӣ
ҳастам». Гуфт: «Бигӯй, эй Устод».

## Масал дар бораи қарзхоҳ ва ду қарздор.

41 Исо гуфт: «Аз қарзхоҳе ду кас қарздор буданд: яке панҷсад
динор ва дигаре панҷоҳ динор қарз дошт+.
42 Азбаски барои адо кардан чизе надоштанд, ӯ ҳар дуро бахшид.
Бигӯ, ки кадоме аз онҳо ӯро бештар дӯст хоҳад дошт?»+
43 Шимъӯн дар ҷавоб гуфт: «Ба гумони ман, ҳамон касе ки ба вай ӯ
бештар бахшидааст». Ба ӯ гуфт: «Дуруст фикр кардӣ».
44 Ва ба тарафи зан рӯ гардонда, ба Шимъӯн гуфт: «Оё ин занро
мебинӣ? Ман ба хонаи ту омадам, ва ту об барои пойҳоям надодӣ;
аммо вай пойҳои Маро бо ашкаш шуста, бо мӯйҳои сараш хушконид.
45 Ту Маро бӯса накардӣ; аммо вай, аз вақти омаданам ин ҷониб,
бӯсидани пойҳои Маро бас намекунад.
46 Ту сари Маро бо равғани зайтун тадҳин накардӣ; аммо вай
пойҳои Маро бо равғани атрафшон тадҳин кард+.
47 Бинобар ин ба ту мегӯям: гуноҳҳои бисьёри вай омурзида
шудааст барои он ки вай муҳаббати бисьёре зоҳир намуд; вале касе
ки кам омурзида шуда бошад, муҳаббати кам зоҳир намудааст».
48 Ва Ӯ ба вай гуфт: «Гуноҳҳоят омурзида шудааст»+.
49 Онҳое ки бо Ӯ назди суфра нишаста буданд, дар дили худ
гуфтанд: «Ин кист, ки гуноҳҳоро низ меомурзад?»
50 Ӯ ба он зан гуфт: «Имонат туро наҷот дод; ба саломатӣ бирав»+.

## Исо дар Ҷалил мавъиза мекунад ва шифо медиҳад.

8 [1] Баъд аз ин Ӯ дар шаҳрҳо ва деҳот гашта, мавъиза мекард ва
Малакути Худоро башорат медод, ва бо Ӯ он дувоздаҳ буданд,+
[2] Ва ҳамчунин баъзе заноне ки Ӯ аз арвоҳи палид ва касалиҳо
шифо дода буд: Марьям, ки Маҷдалия номида мешуд, ва аз вай ҳафт
дев берун рафта буд,+
[3] Ва Юҳона, ҳамсари Кузо, ки девонбегии Ҳиродус буд, ва Сусан, ва
бисьёри дигарон, ки бо дороии худ ба Ӯ хизмат мекарданд+.

## Масал дар бораи коранда.

[4] •Вақте ки мардуми бисьёре ҷамъ шуданд, ва аз ҳамаи шаҳрҳо
назди Ӯ омадан гирифтанд, Ӯ масале оварда, гуфт:
[5] «Корандае барои коридани тухм берун рафт; ва чун тухм
мепошид, қадаре дар канори роҳ афтод ва поймол шуд, ва мурғони
ҳаво онро хӯрданд;
[6] Қадаре бар санглох афтод ва сабзида, хушк шуд, чунки рутубате
набуд;
[7] Қадаре дар миёни хорҳо афтод, ва хорҳо кад кашида, онро пахш
карданд;+
[8] Қадаре дар хоки нағз афтод ва сабзида, сад баробар бор овард».
Инро гуфта, нидо кард: «Ҳар кӣ гӯши шунаво дорад, бишнавад!»+
[9] •Ва шогирдонаш аз Ӯ пурсиданд: «Маънои ин масал чист?»
[10] Гуфт: «Ба шумо донистани асрори Малакути Худо ато шудааст,
лекин ба дигарон бо масалҳо сухан мегӯям, ба тавре ки онҳо нигоҳ
мекунанд, вале намебинанд, ва гӯш медиҳанд, вале намефаҳманд+.
[11] Инак маънои ин масал: тухм каломи Худост+.
[12] Афтода дар канори роҳ касоне мебошанд, ки каломро
мешунаванд, лекин баъд иблис омада, онро аз дили онҳо мерабояд,
мабодо онҳо имон оварда, наҷот ёбанд;
[13] Афтода бар санглох касоне мебошанд, ки чун каломро
бишнаванд, бо шодӣ кабул мекунанд, лекин реша надоранд, ва
муддате имон доранд, ва дар вақти озмоиш ақиб мераванд;+
[14] Афтода дар миёни хорҳо касоне мебошанд, ки каломро
мешунаванд, вале андешаҳо, сарват ва кайфу сафои зиндагӣ онҳоро

пахш мекунад, ва онҳо самаре намеоваранд;+
15 Ва афтода дар хоки нағз касоне мебошанд, ки каломро шунида,
дар дили нек ва пок нигоҳ медоранд ва бо сабр самар меоваранд+.

## Масал дар бораи шамъе ки даргиронда шудааст.

16 Ҳеҷ кас шамъро даргиронда, бо зарфе онро намепӯшад, ё зери
кате намегузорад, балки бар шамъдон мемонад, то ҳар кӣ дарояд,
рӯшноиро бубинад+.
17 Зеро ҳеҷ чизи ниҳоне нест, ки ошкор нагардад, ва ҳеҷ чизи
махфие набошад, ки маълум ва зоҳир нашавад+.
18 Пас, эҳтиёт кунед, ки чӣ тавр мешунавед; зеро ҳар кӣ дорад, ба
вай дода шавад; ва ҳар кӣ надорад, аз вай он чи низ, ки гумон
мекунад дошта бошад, гирифта шавад»+.

## Хешовандони ҳақиқӣ бо Исо.

19 •Ва модар ва бародаронаш назди Ӯ омаданд, вале ба сабаби
бисьёрии мардум ба Ӯ наздик шуда натавонистанд+.
20 Ва ба Ӯ хабар дода, гуфтанд: «Модарат ва бародаронат дар берун
истодаанд, ва мехоҳанд Туро бубинанд».
21 Дар ҷавоби онҳо гуфт: «Модарам ва бародаронам он касонанд,
ки каломи Худоро мешунаванд ва ба ҷо меоваранд»+.

## Исо мавҷҳоро ором мекунад.

22 •Рӯзе Ӯ бо шогирдони Худ ба қаиқ савор шуд ва ба онҳо гуфт:
«Ба он канори кӯл мегузарем». Ва қаиқро ронданд+.
23 Дар аснои роҳ Ӯро хоб рабуд. Ва ногоҳ тундбоди шадиде бар кӯл
бархост, ва қаиқи онҳо аз об пур мешуд, ва онҳо дар хатар буданд.
24 Ва пеш омада, Ӯро бедор карданд ва гуфтанд: «Устод! Устод!
Ҳалок мешавем». Ӯ бархоста, бод ва ғалаёни обро манъ кард, ва онҳо
қатъ гардиданд, ва оромӣ барқарор шуд+.
25 Ба онҳо гуфт: «Имони шумо куҷост?» Онҳо бо тарсу ҳарос ва
тааҷҷуб ба якдигар гуфтанд: «Ин кист, ки ба бодҳо ва об низ амр
мефармояд, ва онҳо ба Ӯ итоат мекунанд?»

## Исо дар сарзамини ҷадариён.

26 •Ва онҳо ба сарзамини ҷадариён, ки дар рӯ ба рӯи Ҷалил аст,
расиданд.

27 Вақте ки Ӯ ба соҳил баромад, марде аз аҳли он шаҳр ба Ӯ рӯ ба
рӯ шуд, ки гирифтори девҳо буд, дер вақт боз либосе намепӯшид, ва
на дар хона, балки дар миёни қабрҳо зиндагӣ мекард.

28 Ҳамин ки Исоро дид, фарьёд зада, пеши Ӯ афтод ва бо овози
баланд гуфт: «Туро бо ман чӣ кор аст, эй Исо, Писари Худои Таоло?
Аз Ту илтимос мекунам, ки маро азоб надиҳӣ!»+

29 Зеро Ӯ ба рӯҳи палид амр фармуда буд, ки аз ин мард берун
равад; чунки вай муддати дуру дарозе ӯро азоб медод, ба тавре ки
ӯро бо завлона ва занҷирхо баста, нигоҳ медоштанд, лекин ӯ он
бандҳоро пора мекард, ва дев ӯро ба биёбонҳо меронд.

30 Исо аз вай пурсид: «Номи ту чист?» Гуфт: «Легион», чунки
девҳои бисьёр ба дарунаш даромада буданд.

31 Ва онҳо аз Ӯ илтимос карданд, ки онҳоро амр фармуда ба ҳовия
нафиристад.

32 Дар ҳамон ҷо галаи бузурги хукҳо дар болои кӯҳ мечарид; ва
девҳо илтимос карданд, ки иҷозат диҳад ба даруни хукҳо дароянд. Ӯ
ба онҳо иҷозат дод.

33 Ва девҳо аз он мард берун шуда, ба хукҳо даромаданд; ва он гала
аз баландӣ якбора ба кӯл ҷаст, ва ғарқ шуд.

34 Хукбонон ин воқеаро дида, давида рафтанду дар шаҳр ва дар
деҳот нақл карданд.

35 Мардум барои дидани воқеа берун рафтанд, ва назди Исо омада,
он мардро, ки аз дарунаш девҳо баромада буданд, диданд, ки либос
дар тан ва ақлаш солим пеши пойҳои Исо нишастааст; ва ҳаросон
шуданд+.

36 Ва касоне ки воқеаро дида буданд, ба онҳо нақл карданд, ки он
девона чӣ гуна шифо ёфт.

37 Ва тамоми мардуми сарзамини ҷадариён аз Ӯ илтимос карданд,
ки аз пеши онҳо баромада равад, чунки тарсу ҳароси азиме онҳоро
фаро гирифта буд. Ва Ӯ ба қаиқ савор шуда, баргашт+.

38 Он марде ки аз дарунаш девҳо баромада буданд, аз Ӯ илтимос
кард, ки бо Ӯ бошад. Лекин Ӯ вайро ба хонааш фиристода, гуфт:

39 «Ба ҳонаи худ баргард ва он чиро, ки Худо ба ту кардааст, нақл
намо». Вай равона шуда, он чиро, ки Исо ба вай карда буд, дар
тамоми шаҳр мавъиза намуд+.

## Шифо ёфтани зан. Эҳьёи духтари Ёир.

40 •Вақте ки Исо баргашт, мардум Ӯро пазирой карданд, чунки
ҳама мунтазири Ӯ буданд.
41 Ва инак, марде ки Ёир ном дошт ва сардори куништ буд, омада,
пеши пойҳои Исо афтод ва аз Ӯ илтимос кард, ки ба хонаи вай
биёяд+.
42 Чунки духтари ягонаи вай, ки тақрибан дувоздаҳсола буд, ба
ҳолати назъ расида буд. Вақте ки Ӯ ба он ҷо мерафт, мардуми
бисьёре аз ҳар тараф Ӯро фишор медоданд.
43 Ва зане ки дувоздаҳ сол боз гирифтори хунравӣ буда, тамоми
дороии худро ба табибон сарф карда буд, лекин ҳеҷ яке вайро шифо
дода натавониста буд, —+
44 Аз қафо наздик шуда, домани Ӯро ламс намуд, ва дарҳол
хунравии вай қатъ шуд+.
45 Ва Исо гуфт: «Кист, ки Маро ламс кард?» Вақте ки ҳама инкор
карданд, Петрус ва онҳое ки бо Ӯ буданд, гуфтанд: «Эй Устод, мардум
Туро иҳота намуда, аз ҳар тараф фишор медиҳанд, — ва Ту мегӯӣ:
„Кист, ки Маро ламс кард?“»
46 Аммо Исо гуфт: «Касе Маро ламс кардааст; зеро Ман ҳис кардам,
ки қуввате аз Ман берун рафт»+.
47 Он зан чун дид, ки натавонист пинҳон монад, тарсону ларзон
омада, пеши Ӯ афтод ва дар хузури тамоми мардум гуфт, ки аз чӣ
сабаб Ӯро ламс намуд, ва чӣ гуна дарҳол шифо ёфт.
48 Ба вай гуфт: «Духтарам! Имонат туро шифо бахшид; ба саломатӣ
бирав»+.
49 Ӯ ҳанӯз сухан мегуфт, ки касе аз хонаи сардори куништ омада,
гуфт: «Духтарат мурд; Устодро дигар ташвиш надеҳ».
50 Аммо Исо инро шунида, ба вай гуфт: «Натарс, фақат имон овар,
ва ӯ наҷот хоҳад ёфт».
51 Ва ҳангоме ки ба хона расид, ҷуз Петрус, Юҳанно ва Яъқуб, ва
падару модари духтар, ҳеҷ касро даромадан намонд+.

52 Ҳама барои вай гирья ва навҳа мекарданд. Вале Ӯ гуфт: «Гирья
накунед; вай намурдааст, балки хуфтааст»+.
53 Бар Ӯ хандиданд, зеро медонистанд, ки вай мурдааст.
54 Аммо Ӯ ҳамаро берун карда ва дасти вайро гирифта, нидо кард:
«Эй духтар! Бархез»+.
55 Ва рӯҳи вай баргашт; вай дарҳол бархост; ва Ӯ фармуд, ки ба вай
хӯроке диҳанд.
56 Падару модари вай дар ҳайрат монданд. Ва Ӯ ба онҳо фармуд, ки
ин воқеаро ба ҳеҷ кас нақл накунанд+.

## Исо дувоздаҳ шогирдонро мефиристад, то ки башорат диҳанд.

9 1 •Он дувоздаҳро даъват намуда, бар ҳамаи девҳо, ва барои
шифо додани касалиҳо ба онҳо кувват ва қудрат бахшид,+
2 Ва онҳоро фиристод, то ки Малакути Худоро мавъиза намоянд ва
беморонро шифо диҳанд.
3 Ба онҳо гуфт: «Барои роҳ ҳеҷ чизе нагиред: на асое, на тӯрбае, на
ноне, на пуле; ва набояд ду пероҳан дошта бошед;
4 Ва ба ҳар ҳона, ки даромадед, дар он ҷо бимонед ва аз он ҷо боз
ба роҳ дароед;
5 Ва агар дар ягон ҷо шуморо қабул накунанд, вақте ки аз он шаҳр
берун меравед, ғубори пойҳои худро биафшонед, то ки шаҳодате бар
онҳо гардад»+.
6 Онҳо рафтанд ва деҳ ба деҳ гашта, дар ҳама ҷо башорат медоданд
ва шифо мебахшиданд+.

## Беқарории Ҳиродус аз боиси Исо.

7 •Вақте ки тетрарх Ҳиродус овозаи тамоми амалиёти Ӯро
шунавид, дар ҳайрат афтод: зеро баъзе касон мегуфтанд, ки Яҳьё аз
мурдагон эҳьё шудааст;+
8 Дигарон мегуфтанд, ки Ильёс зоҳир гардидааст; вале баъзеи
дигарон мегуфтанд, ки яке аз анбиёи қадим эҳьё шудааст+.
9 Ва Ҳиродус гуфт: «Ман сари Яҳьёро аз танаш ҷудо кардаам; пас,
Ин кист, ки дар бораи Ӯ чунин гапҳоро мешунавам?» Ва меҳост Ӯро
бубинад+.

## Ҳавворлиён бармегарданд.

## Сер шудани панҷ ҳазор мард.

10 •Ҳавворлиён баргашта, корҳои худро ба Ӯ нақл карданд; ва Ӯ
онҳоро алоҳида ҳамроҳи Худ гирифта, ба ҷои хилвате рафт, ки дар
қарибии Байт-Сайдо ном шаҳре буд+.
11 Аммо мардум ҳабардор шуда, аз ақиби Ӯ рафтанд; ва Ӯ онҳоро
пазирой карда, бо онҳо дар бораи Малакути Худо сӯҳбат кард ва

касонеро, ки ба шифо эҳтиёҷ доштанд, шифо дод.
12 Бегоҳирӯзӣ наздик буд. Он дувоздаҳ назди Ӯ омада, гуфтанд:
«Мардумро ҷавоб деҳ, то ки ба қасаба ва деҳоти атроф рафта, манзил
ва хӯрок барои худ пайдо кунанд, чунки ин ҷои мо як ҷои хилват
аст».
13 Ба онҳо гуфт: «Шумо ба онҳо ҳӯрок диҳед». Гуфтанд: «Мо фақат
панҷ нон ва ду моҳӣ дорем; оё рафта, барои тамоми ин мардум
ҳӯроке бихарем?»+
14 Зеро ки онҳо тақрибан панҷ ҳазор мард буданд. Лекин Ӯ ба
шогирдони Худ гуфт: «Онҳоро даста-даста панҷоҳнафарӣ шинонед».
15 Ва чунин карданд, ва ҳамаро шинонданд.
16 Ва Ӯ панҷ нон ва ду моҳиро гирифта ва ба осмон нигариста,
онҳоро баракат дод ва пора карда, ба шогирдонаш дод, то пеши
мардум гузоранд.
17 Ҳама хӯрданду сер шуданд; ва аз пораҳои боқимонда дувоздаҳ
сабадро пур карда бардоштанд.

## Мардум ва шогирдон Исоро кӣ мегӯянд.

18 •Боре, вақте ки Ӯ дар ҷои хилвате дуо мегуфт, ва шогирдонаш бо
Ӯ буданд, Ӯ аз онҳо пурсид: «Мардум Маро кӣ мегӯянд?»
19 Дар ҷавоб гуфтанд: «Баъзе мегӯянд, ки Яҳъёи Таъмиддиҳандаӣ;
баъзе мегӯянд, ки Ильёсӣ; ва баъзе мегӯянд, ки яке аз анбиёи қадим
эҳьё шудааст»+.
20 Аз онҳо пурсид: «Шумо Маро кӣ мегӯед?» Петрус дар ҷавоб гуфт:
«Масеҳи Худо»+.
21 •Ва Ӯ ба онҳо фармони қатъӣ дод, ки инро ба касе нагӯянд;

## Исо дар бораи мамоти Худ ва эҳьёи Худ сухан меронад.

22 Ва гуфт, ки Писари Одам бояд бисьёр азоб кашад ва аз тарафи
пирон, саркоҳинон ва китобдонон рад карда ва кушта шавад, ва дар
рӯзи сеюм эҳьё шавад+.

## Исоро чӣ гуна пайравӣ бояд кард?

23 Ва ба ҳама гуфт: «Агар касе хоҳад аз ақиби Ман биёяд, бояд
хештанро инкор кунад ва салиби худро бардошта, Маро пайравӣ
намояд;+

24 Зеро ҳар кӣ ҷони худро раҳонидан хоҳад, онро барбод медиҳад;
ва ҳар кӣ ҷони худро дар роҳи Ман барбод диҳад, онро мераҳонад;
25 Зеро ба одам чӣ фоида дорад, ки агар вай тамоми дуньёро ба
даст оварад, лекин худро талаф кунад, ё ки ба худ зиён расонад+?
26 Зеро ҳар кӣ аз Ман ва аз суханони Ман шарм кунад, Писари
Одам, ҳангоме ки дар ҷалоли Худ ва дар ҷалоли Падар ва
фариштагони муқаддас меояд, аз вай шарм ҳохад кард;+

## Дигаргун шудани Худованд.

27 Ба ростӣ ба шумо мегӯям: баъзе, ки дар ин ҷо истодаанд, то
Малакути Худоро набинанд, зоиқаи маргро нахоҳанд чашид»+.

28 •Баъд аз ин гапҳо тақрибан ҳашт рӯз гузашта буд, ки Петрус,
Юҳанно ва Яъқубро бо Худ гирифта, ба кӯҳе барои дуо гуфтан
баромад+.
29 Ва ҳангоме ки дуо мегуфт, чеҳраи Ӯ дигаргун шуд, ва либосаш
сафеди дурахшон гардид+.
30 Ва инак, ду мард бо Ӯ гуфтугӯ мекарданд, ки Мусо ва Ильёс
буданд:+
31 Онҳо дар ҷалоле зоҳир гардида, дар бораи оқибати Ӯ, ки бояд
дар Ерусалим ба амал ояд, сухан меронданд.
32 Аммо Петрус ва онҳоеро ки бо Ӯ буданд, хоб рабуда буд; ва
ҳангоме ки бедор шуданд, ҷалоли Ӯро, ва он ду мардро, ки бо Ӯ
истода буданд, диданд.
33 Вақте ки Мусо ва Ильёс аз пеши Ӯ мерафтанд, Петрус ба Исо
гуфт: «Эй Устод! Дар ин ҷо будани мо некӯст; пас се чодар месозем:
яке барои Ту, яке барои Мусо ва яке барои Ильёс», — ва намедонист,
чӣ мегӯяд.
34 Ҳанӯз вай ин суханро мегуфт, абре пайдо шуда, бар онҳо соя
андохт; ва чун дохили абр шуданд, ба ҳарос афтоданд.
35 Ва овозе аз даруни абр баромад, ки мегуфт: «Ин аст Писари
Маҳбуби Ман; ӯро бишнавед»+.
36 Ва овоз баромадан замон, Исо танҳо монд. Ва онҳо лаб фурӯ
бастанд ва аз он чи дида буданд, ба ҳеҷ кас дар он айём гап назаданд.

## Шифо ёфтани девона.

37 •Рӯзи дигар, вақте ки онҳо аз кӯҳ фуромаданд, мардуми бисьёре
Ӯро пешвоз гирифтанд.
38 Ва инак марде аз байни мардум фарьёд зада, гуфт: «Эй Устод! Аз
Ту илтимос мекунам, ки ба писари ман як назар андозӣ, чунки вай
фарзанди ягонаи ман аст:
39 Рӯҳе ӯро мегирад, ва ӯ ногаҳон наъра мезанад, ва сахт печутоб
мехӯрад, ба тавре ки кафк аз даҳонаш мебарояд; ва ӯро тамоман
беҳолу бемадор карда, базӯр аз ӯ даст мекашад;
40 Аз шогирдони Ту илтимос кардам, ки онро берун кунанд, лекин
натавонистанд».
41 Исо дар ҷавоб гуфт: «Эй насли беимон ва каҷрафтор, то ба кай бо
шумо бошам ва шуморо тоқат кунам? Писаратро ин ҷо биёр».
42 Вақте ки вай наздик меомад, дев вайро ба замин ғалтонида, сахт
печутоб дод; аммо Исо рӯҳи палидро мазаммат намуд, ва писарро
шифо дода, ба падари вай супурд+.

43 •Ва ҳама аз бузургии Худо дар ҳайрат монданд. Ва ҳангоме ки
ҳама аз ҳамаи кардаҳои Исо тааҷҷуб менамуданд, Ӯ ба шогирдони
Худ гуфт:

## Исо бори дуюм дар бораи мамоти Худ сухан меронад.

44 «Ин суханонро дар гӯши худ ҷо кунед: Писари Одам ба дасти
одамон таслим карда хоҳад шуд»+.
45 Лекин онҳо ин суханро нафаҳмиданд, ва он аз онҳо пӯшида
монд, ба тавре ки онро дарк накарданд; ва тарсиданд, ки дар бораи
ин сухан аз Ӯ бипурсанд+.

## Ба муқобили иззатталабии шогирдон.

46 •Ва ба майнаи онҳо фикре омад, ки кадоме аз онҳо бузургтар
аст.
47 Исо андешаи дили онҳоро дарьёфта, кӯдакеро гирифту пеши
Худ ба по гузошт
48 Ва ба онҳо гуфт: «Ҳар кӣ ин кӯдакро ба исми Ман қабул кунад,
Маро қабул мекунад; ва ҳар кӣ Маро қабул кунад, Фиристандаи Маро

қабул мекунад; зеро ҳар кӣ дар байни шумо аз ҳама хурдтар аст, вай бузург хоҳад буд»+.

## Рашки сохтаи шогирдон.

49 Дар айни ҳол Юҳанно гуфт: «Эй Устод! Мо касеро дидем, ки ба исми Ту девҳоро берун мекард, ва ӯро манъ кардем, чунки ӯ ҳамроҳи мо намегардад»+.

50 Исо ба вай гуфт: «Манъ накунед, зеро ҳар кӣ зидди шумо нест, вай тарафдори шумост»+.

## Сомариён Исоро пазирои намекунанд.

51 Ва чун айёми сууди Ӯ наздик мешуд, Ӯ азми сафари Ерусалим кард;+

52 Ва қосидонро пешопеши Худ фиристод; ва онҳо рафта, вориди як қаса баи сомариён шуданд, то ки барои Ӯ тадорук кунанд:+

53 Аммо Ӯро пазирои накарданд, зеро ки Ӯ рӯй ба ҷониби Ерусалим ниҳода буд.

54 Шогирдони Ӯ Яъқуб ва Юҳанно инро дида, гуфтанд: «Худовандо! Оё мехоҳӣ бигӯем, ки оташе аз осмон омада, онхоро маҳв намояд, чунон ки Ильёс низ карда буд?»+

55 Аммо Ӯ рӯ гардонда, онҳоро манъ кард ва гуфт: «Намедонед, ки шумо ба кадом рӯҳ мансуб ҳастед;

56 Зеро ки Писари Одам на барои нобуд кардани ҷонҳои одамон, балки барои наҷот додани онҳо омадааст». Ва ба қасабаи дигаре рафтанд.

## Ҷиддияти пайравӣ кардан ба Исо.

57 •Ва ҳангоме ки онҳо дар роҳ буданд, шахсе ба Ӯ гуфт: «Худовандо! Ҳар ҷо равӣ, Туро пайравӣ хоҳам кард».

58 Исо ба вай гуфт: «Рӯбоҳон лона ва мурғони ҳаво ошьёна доранд; лекин Писари Одам ҷое надорад, ки сар ниҳад».

59 Ба дигаре гуфт: «Маро пайравӣ кун». Вай гуфт: «Худовандо! Ба ман иҷозат деҳ, ки рафта, аввал падари худро дафн кунам».

60 Лекин Исо ба вай гуфт: «Бигзор, ки мурдагон мурдагони худро дафн кунанд: аммо ту рафта, аз Малакути Худо башорат деҳ».

61 Боз шахси дигаре гуфт: «Худовандо! Туро пайравӣ хоҳам кард,
лекин аввал ба ман иҷозат деҳ, ки бо аҳли хонаи худ хайрухуш
кунам»+.
62 Лекин Исо ба вай гуфт: «Касе ки дасташро болои амоч монда
бошад ва ба ақиб нигоҳ кунад, ба Малакути Худо лоиқ нест».

## Исо ҳафтод шогирдонро мефиристад, то ки башорат диҳанд.

## Нубувват дар бораи кори миссионерӣ.

# 10

1 •Баъд аз ин, Худованд боз ҳафтод нафари дигарро баргузид,
ва онҳоро чуфт-чуфт пешопеши Худ ба ҳар шаҳр ва ҷое ки
Худаш рафтанӣ буд, фиристод,
2 Ва ба онҳо гуфт: «Дарав бисьёр аст, лекин коргарон кам; пас,
шумо аз Соҳиби дарав илтимос кунед, ки ба дарави Худ коргар
фиристонад+.
3 Биравед! Инак, шуморо монанди баррагон ба миёни гургон
мефиристам+.
4 Ҳеҷ ҳамьёне, тӯрбае ва чоруқе бо худ набаред, ва ба ҳеҷ кас дар
роҳ салом нагӯед+.
5 Ба ҳар хонае ки медароед, аввал гӯед: „Салом бар ин хона бод!“
6 Агар дар он ҷо писари осоиштагӣ бошад, саломи шумо бар вай
қарор мегирад; вагар на, сӯи шумо бармегардад;
7 Дар ҳамон хона бимонед ва аз он чи доранд, бихӯред ва бинӯшед:
зеро ки меҳнаткаш сазовори музди худ аст. Аз хона ба хона
нагузаред+.
8 Агар дар шаҳре ки меоед, шуморо қабул кунанд, аз он чи пеши
шумо мемонанд, бихӯред;+
9 Ва беморонеро, ки дар он ҷо ҳастанд, шифо диҳед, ва ба онҳо
бигӯед: „Малакути Худо ба шумо наздик шудааст“+.
10 Ва агар дар шаҳре ки меоед, шуморо қабул накунанд, ба кӯчаҳои
он баромада, гӯед:
11 „Ҳатто ғубореро, ки аз шаҳри шумо бар мо нишастааст, бар
шумо меафшонем; лекин бидонед, ки Малакути Худо ба шумо наздик
шудааст“+.
12 Ба шумо мегӯям, ки ҳолати Садӯм дар он рӯз* аз ҳолати он шаҳр
сабуктар хоҳад буд+.

## Исо бар шаҳрҳо доварӣ эълон мекунад.

13 •Вой бар ҳоли ту, эй Кӯрозин! Вой бар ҳоли ту, эй Байт-Сайдо!
Зеро, агар мӯъҷизоте ки дар шумо зоҳир шуд, дар Сӯр ва Сидӯн зоҳир
мешуд, кайҳо палоспӯш ва хокистарнишин шуда, тавба мекарданд;+

14 Лекин дар рӯзи доварӣ ҳолати Сӯр ва Сидӯн аз ҳолати шумо
сабуктар хоҳад буд+.
15 Ва ту, эй Кафарнаҳум, ки сар ба осмон афрохтаӣ, ба дӯзаҳ
сарнагун хоҳӣ шуд+.
16 Ҳар кӣ шуморо шунавад, Маро мешунавад, ва ҳар кӣ шуморо рад
кунад, Маро рад мекунад; ва ҳар кӣ Маро рад кунад, Фиристандаи
Маро рад мекунад»+.

## Баргаштани ҳафтод нафар.

17 Он ҳафтод бо шодмонӣ баргашта, гуфтанд: «Худовандо! Девҳо
низ бо зикри исми Ту ба мо итоат мекунанд»+.
18 Ба онҳо гуфт: «Ман шайтонро мисли барқ аз осмон афтода
дидам;+
19 Инак, ба шумо қудрат медиҳам, ки морон ва каждумон ва
тамоми қуввати душманро поймол кунед, ва ҳеҷ чиз ба шумо зарар
нахоҳад расонд;+
20 Аммо аз он шод нашавед, ки арвоҳ ба шумо итоат мекунанд;
балки аз он шод бошед, ки номҳои шумо дар осмон навишта
шудааст»+.

## Ҷалол додани Падар.

21 •Дар ҳамон соат Исо аз Рӯҳулқудс ба ваҷд омада, гуфт: «Туро, эй
Падар, эй Худованди осмон ва замин, ситоиш мекунам, ки ин
чизҳоро аз хирадмандон ва оқилон пинҳон доштӣ ва ба кӯдакон
ошкор кардӣ; оре, эй Падар! Зеро ки ҳусни таваҷҷӯҳи Ту чунин буд»+.
22 Ва ба шогирдон рӯй оварда, гуфт: «Ҳама чизро Падарам ба Ман
супурдааст; ва ҳеҷ кас, ҷуз Падар, намедонад, ки Писар кист; ва ҳеҷ
кас намедонад, ки Падар кист, ҷуз Писар ва касе ки Писар бихоҳад ба
вай ошкор кунад»+.
23 Ва алоҳида ба шогирдони Худ рӯ оварда, гуфт: «Хушо чашмоне
ки он чиро, ки шумо дида истодаед, мебинад!+
24 Зеро ба шумо мегӯям, ки басе анбиё ва подшоҳон мехостанд он
чиро, ки шумо мебинед, бубинанд, ва надиданд, ва он чиро, ки шумо
мешунавед, бишнаванд, ва нашуниданд»+.

## Шариатдон Исоро озмоиш мекунад.

25 Ва инак, як шариатдон бархост ва Ӯро озмуданӣ шуда, гуфт: «Эй
Устод! Чӣ кунам, ки ворисИ ҳаёти ҷовидонӣ шавам?»+
26 Ба вай гуфт: «Дар Таврот чӣ навишта шудааст? Ва ту чӣ тавр
мехонӣ?»
27 Дар ҷавоб гуфт: «Худованд Худои худро бо тамоми дили ту ва бо
тамоми ҷони ту ва бо тамоми қуввати ту ва бо тамоми ҳуши ту дӯст
бидор, ва ёри худро мисли худ дӯст бидор»+.
28 Ба вай гуфт: «Дуруст ҷавоб додӣ; чунин бикун, ва хоҳӣ зист»+.
29 Вале вай, ки меҳост худро сафед кунад, ба Исо гуфт: «Пас ёри
ман кист?»

## Масал дар бораи сомарии некдил.

30 Исо дар ҷавоб гуфт: «Як мард, ки аз Ерусалим ба Ериҳӯ мерафт,
ба дасти дуздон афтод; онҳо либосашро кашиданд, ӯро маҷрӯҳ
карданд ва дар ҳолати ниммурда партофта рафтанд.
31 Тасодуфан коҳине аз он роҳ равона буд, ва ӯро дида, аз пешаш
гузашта рафт.
32 Ҳамчунин марде аз сибти Левӣ, ки дар он ҷо роҳгузар буд,
наздик омада, ӯро дид ва аз пешаш гузашта рафт+.
33 Аммо як шахси сомарӣ, ки аз он роҳ мегузашт, ба ӯ дучор шуда
ва аҳволи ӯро дида, дилаш сӯхт+
34 Ва наздик омада, ба захмҳои ӯ равған ва шароб рехту
ҷароҳатбандӣ кард; ва ӯро ба маркаби худ савор карда, ба
корвонсарое овард ва ба ӯ ғамхорӣ намуд;+
35 Ва фардои он, пеш аз рафтанаш, ду динор баровар да, ба соҳиби
корвонсарой дод ва ба вай гуфт: „Ба ин мард нигоҳубин бикун; ва
агар аз ин зиёдтар харҷ кунӣ, ҳангоми баргаштанам ба ту хоҳам дод“.
36 Пас, ба фикри ту, кадоме аз ин се нафар ёри он марде буд, ки ба
дасти дуздон афтод?»
37 Гуфт: «Ҳамон ки ба ӯ марҳамат кард». Исо ба вай гуфт: «Бирав,
ва ту низ чунин бикун».

## Хизматгузории Марто ва Марьям.

38 Ва дар аснои роҳ Ӯ вориди қасабае шуд, ва зане ки Марто ном
дошт, Ӯро дар хонаи худ пазирой намуд;+

39 Вай Марьям ном хоҳаре дошт, ки пеши пойҳои Исо нишаста,
каломи Ӯро гӯш мекард+.
40 Лекин Марто ба хизматгузорӣ банд буд, ва наздик омада, гуфт:
«Худовандо! Оё Туро парвое нест, ки хоҳарам маро вогузоштааст, ки
танҳо хизмат кунам? Ба вай бигӯй, ки ба ман ёрдам диҳад».
41 Худованд дар ҷавоби вай гуфт: «Марто! Марто! Ту дар хусуси
чизҳои бисьёр ғамхорӣ ва давутоз мекунӣ,+
42 Аммо фақат як чиз лозим аст. Марьям қисмати некӯро
баргузидааст, ки он аз вай кашида гирифта намешавад»+.

## Исо ба шогирдон дуо гуфтанро таълим медиҳад.

11 [1] •Рӯзе Ӯ дар ҷое дуо мегуфт, ва ҳангоме ки тамом кард, яке
аз шогирдонаш ба Ӯ гуфт: «Худовандо! Дуо гуфтанро ба мо ёд
деҳ, чунон ки Яҳьё низ ба шогирдонаш ёд додааст»+.
[2] Ба онҳо гуфт: «Вақте ки дуо мегӯед, чунин бигӯед:
„Эй Падари мо, ки дар осмонӣ!
Исми Ту муқаддас бод;
Малакути Ту биёяд;
иродаи Ту,
чунон ки дар осмон аст,
дар замин ҳам ба амал ояд;
[3] Ризқу рӯзии моро ҳар рӯз ба мо бидеҳ;+
[4] Ва гуноҳҳои моро биомурз,
зеро ки мо низ ба ҳар қарздори худ мебахшем;
ва моро ба озмоиш дучор накун,
балки моро аз иблис раҳоӣ деҳ“»+.

## Масал дар бораи дӯсти шилқин.

[5] Ва ба онҳо гуфт: «Фаразан, яке аз шумо, ки дӯсте дошта бошад,
нисфи шаб пеши ӯ омада, гӯяд: „Эй дӯст! Ба ман се то нон қарз деҳ,
[6] Зеро ки як дӯстам аз роҳ назди ман даромадааст, ва ман чизе
надорам, ки пешаш бимонам“;
[7] Ва ӯ аз дарун дар ҷавоби вай гӯяд: „Маро ташвиш надеҳ; дари
хонаам баста, ва бачаҳоям бо ман дар ҷогаҳ хобидаанд; наметавонам
бархоста, ба ту чизе диҳам“, —
[8] Ба шумо мегӯям, ки ҳар чанд аз рӯи дӯстӣ бархоста ба вай
надиҳад ҳам, лекин ба сабаби шилқинии вай бархоста, ҳар қадар, ки
пурсад, ба вай хоҳад дод.
[9] Ва Ман ба шумо мегӯям: биталабед, ба шумо дода хоҳад шуд;
биҷӯед, хоҳед ёфт; дарро бикӯбед, он ба рӯятон кушода хоҳад шуд;
[10] Зеро ҳар кӣ биталабад, мегирад, ва ҳар кӣ биҷӯяд, меёбад, ва ҳар
кӣ дарро бикӯбад, он ба рӯяш кушода мешавад+.

## Масал дар бораи падари некдил.

[11] Ва кист аз шумо, ки падар бошад, ва писараш аз ӯ нон биталабад,
ва санге ба вай бидиҳад? Ё моҳӣ биталабад, ва ӯ, ба ҷои моҳӣ, море ба
вай бидиҳад?
[12] Ё, агар тухме биталабад, каждуме ба вай бидиҳад?
[13] Пас, агар шумо, ки шарир ҳастед, ба фарзандони худ додани
инъомҳои некро медониста бошед, пас Падари шумо, ки дар осмон
аст, чанд маротиба зиёдтар ба онҳое ки аз ӯ металабанд, Рӯҳулқудсро
хоҳад дод»+.

## Исоро айбдор намуда, мегӯянд, ки Ӯ девҳоро ба воситаи Баал-Забул берун мекунад.

[14] •Боре Ӯ як девро, ки гунг буд, берун кард; ва ҳангоме ки дев
берун шуд, гунг ба гап даромад, ва мардум дар ҳайрат монданд.
[15] Лекин баъзе аз онҳо гуфтанд: «Ӯ девҳоро ба воситаи Баал-Забул,
калони девҳо, берун мекунад»+.
[16] Ва дигарон, озмуданӣ шуда, аз Ӯ аломати осмонӣ талаб
мекарданд+.
[17] Вале Ӯ фикру хаёли онҳоро дарьёфта, ба онҳо гуфт: «Ҳар
салтанате ки бар зидди худ аз ҳам ҷудо шавад, рӯ ба харобӣ
меоварад, ва ҳар хонае ки аз ҳам ҷудо шавад, фурӯ меғалтад.
[18] Ва агар шайтон низ аз ҳам ҷудо шавад, салтанати вай чӣ гуна
устувор истода метавонад? Зеро шумо мегӯед, ки Ман девҳоро ба
воситаи Баал-Забул берун мекунам.
[19] Агар Ман девҳоро ба воситаи Баал-Забул берун мекарда бошам,
писарони шумо онҳоро ба воситаи кӣ берун мекунанд? Бинобар ин
онҳо довари шумо хоҳанд шуд+.
[20] Лекин агар Ман девҳоро бо ангушти Худо берун мекарда бошам,
пас Малакути Худо ба шумо омада расидааст.
[21] Вақте ки марди пурзӯр хонаи худро бо яроқ нигаҳбонӣ мекунад,
дороии вай дар амон аст,
[22] Вале вақте ки шахси аз вай пурзӯртар ба вай ҳуҷум карда, ғолиб
мебарояд, он гоҳ тамоми яроқи вайро, ки ба он умед баста буд,
кашида мегирад ва дороии вайро ба тороҷ медиҳад+.

[23] Ҳар кӣ бо Ман нест, ба Ман муқобил аст; ва ҳар кӣ бо Ман ҷамъ
намекунад, вай пароканда мекунад+.

## Баргаштани рӯҳи палид.

[24] Вақте ки рӯҳи палид аз одам берун меояд, дар ҷустуҷӯи роҳат
дар ҷойҳои беоб гардиш мекунад ва, чун наёфт, мегӯяд: „Ба хонаи
худ, ки аз он берун омадам, бармегардам“.
[25] Ва гашта омада, онро ҷорӯбзада ва ороста меёбад;
[26] Он гоҳ рафта, ҳафт рӯҳи дигари аз худаш бадтарро ҳамроҳи худ
меоварад, ва дохил шуда, дар он ҷо зиндагӣ мекунанд; ва анҷоми он
шахс бадтар аз аввалаш мешавад»+.

## Зан модари Исоро ҷалол медиҳад. Ҷавоби Исо.

[27] Ҳангоме ки Ӯ ин суханонро мегуфт, як зан аз байни мардум
овозашро баланд карда, ба Ӯ гуфт: «Хушо шикаме ки Туро ҳамл
кардааст, ва пистонҳое ки Туро шир додааст!»+
[28] Лекин Ӯ гуфт: «Хушо онҳое ки каломи Худоро мешунаванд ва
онро риоя мекунанд»+.

## Мардум аломати осмонӣ металабанд.

[29] •Вақте ки мардум бештар ҷамъ омадан гирифтанд, Ӯ ба сухан
оғоз карда, гуфт: «Ин насл насли шарир аст; вай аломате металабад,
ва ба вай, ҷуз аломати Юнуси набӣ, аломате дода нахоҳад шуд;
[30] Зеро, чунон ки Юнус аломате барои мардуми Нинве буд,
ҳамчунин Писари Одам низ барои ин насл хоҳад буд.
[31] Маликаи Ҷануб дар рӯзи доварӣ бо мардуми ин насл бархоста,
онҳоро маҳкум хоҳад кард, зеро ки вай барои шунидани ҳикмати
Сулаймон аз ақсои замин омад; ва инак, дар ин ҷо аз Сулаймон
бузургтар аст+.
[32] Мардуми Нинве дар рӯзи доварӣ бо ин насл бархоста, онро
маҳкум хоҳанд кард, зеро ки онҳо аз мавъизаи Юнус тавба карданд;
ва инак, дар ин ҷо аз Юнус бузургтар аст+.

## Масал дар бораи шамъе ки даргиронда шудааст.

[33] •Ҳеҷ кас шамъро даргиронда, дар ҷои ниҳоне ё дар зери зарфе
намегузорад, балки бар шамъдон мегузорад, то онҳое ки ба хона

медароянд, рӯшноиро бубинанд+.
[34] Чароғи бадан чашм аст; пас, агар чашмат солим бошад, тамоми баданат низ равшан хоҳад буд; аммо агар он хира бошад, баданат низ торик хоҳад буд.
[35] Пас, ҳазар намо: мабодо нуре ки дар туст, зулмот бошад.
[36] Вале агар баданат комилан равшан буда, ҳеҷ як қисми торике надошта бошад, он тамоман нуронӣ хоҳад буд, ба монанди он ки чароғе бо дурахши худ туро мунаввар карда бошад».

## Исо фарисиёнро маҳкум мекунад.

37 •Вақте ки Ӯ ин суханонро гуфт, як фарисӣ Ӯро ба хонаи худ ба
хӯрок таклиф кард; Ӯ омада, назди суфра нишаст.
38 Фарисӣ чун дид, ки Ӯ пеш аз хӯрок даст нашуст, мутааҷҷиб
шуд+.
39 Лекин Худованд ба вай гуфт: «Ҳоло шумо, фарисиён, беруни
пиёла ва табақро тоза мекунед, аммо даруни шумо аз дуздӣ ва
шарорат пур аст.
40 Эй беақлон! Оё Ҳамон ки берунро офаридааст, дарунро низ
наофаридааст?
41 Беҳтар аст, ки аз он чи доред, садақа диҳед: он гоҳ ҳама чиз
барои шумо тоза хоҳад буд.
42 Аммо вой бар ҳоли шумо, эй фарисиён, ки аз наъно, садоб ва ҳар
навъ сабзавот ушр медиҳед, вале ба адолат ва муҳаббати Худо
беэътиноӣ мекунед; мебоист онҳоро ба ҷо оварда, инҳоро низ тарк
намекардед+.
43 Вой бар ҳоли шумо, эй фарисиён, ки дӯст медоред дар куништҳо
болонишин бошед ва дар кӯчаю бозорҳо салому табрикҳо бишнавед+.
44 Вой бар ҳоли шумо, эй китобдонон ва фарисиёни риёкор, ки
шумо ба қабрҳои аз назар пинҳон монанд ҳастед, ки мардум дар
болои онҳо роҳ мераванд ва инро намедонанд»+.

## Исо шариатдононро маҳкум мекунад.

45 Дар ҷавоб яке аз шариатдонон ба Ӯ гуфт: «Эй Устод! Бо ин
суханонат моро низ таҳқир мекунӣ».
46 Аммо Ӯ гуфт: «Вой бар ҳоли шумо низ, эй шариатдонон, ки
борҳои душворро бар дӯши мардум мегузоред, лекин худатон як
ангуштро ҳам ба он борҳо намерасонед.
47 Вой бар ҳоли шумо, ки мақбараҳои анбиёро бино мекунед, ва
ҳол он ки падарони шумо онҳоро куштаанд;
48 Бо ҳамин шумо шоҳид ва шарики аъмоли падарони худ
мегардед, зеро ки онҳо анбиёро куштаанд, ва шумо мақбараҳошонро
бино мекунед+.
49 Барои ҳамин ҳам ҳикмати Худо гуфтааст: „Ба наздашон анбиё
ва ҳаввориёнро мефиристам, ва аз онҳо баъзеро хоҳанд кушт, ва

баъзеро таъқиб хоҳанд кард“;+
[50] То ки хуни тамоми анбиё, ки аз аввали офариниши ҷаҳон рехта
шудааст, ба гардани ин насл гузошта шавад:+
[51] Аз хуни Ҳобил то хуни Закарьё, ки вай дар миёни қурбонгоҳ ва
маъбад кушта шудааст. Оре, ба шумо мегӯям, ки он ба гардани ин
насл гузошта хоҳад шуд.
[52] Вой бар ҳоли шумо, эй шариатдонон, ки шумо калиди донишро
гирифтаед: худатон надаромадед ва ба онҳое ки даромадан
мехостанд, монеъ шудед».
[53] Вақте ки Ӯ ин суханонро ба онҳо мегуфт, китобдонон ва
фарисиён бошиддат Ӯро фишор дода, боз бисьёр чизҳоро аз Ӯ
пурсидан гирифтанд,
[54] Ва мунтазир буданд, то ки аз забонаш чизе бишнаванду Ӯро
айбдор кунанд+.

## Огоҳонидан аз риёкории фарисиён. Тарғиби эътирофи ҷасурона.

**12** [1] Дар ин миён, вақте ки ҳазорон одамон ҷамъ омаданд, ба тавре ки якдигарро фишор медоданд, Ӯ ба сухан оғоз намуда, аввал ба шогирдони Худ гуфт: «Аз хамиртуруши фарисиён, ки риёкорист, ҳазар кунед+.

[2] Ҳеҷ чизи ниҳоне нест, ки ошкор нагардад, ва ҳеҷ чизи махфие нест, ки маълум нашавад+.

[3] Бинобар ин, он чи шумо дар торикӣ гуфтаед, дар рӯшноӣ шунида хоҳад шуд; ва он чи шумо дар хона ба гӯш гуфтаед, дар болои бомҳо эълон карда хоҳад шуд.

[4] •Ва Ман ба шумо, эй дӯстонам, мегӯям: аз кушандагони ҷисм, ки қодир нестанд баъд аз он ягон кори дигаре бикунанд, натарсед;+

[5] Лекин ба шумо нишон медиҳам, ки аз кӣ тарсидан лозим аст: аз Ӯ ҳаросон бошед, ки баъд аз куштан қодир аст ба дӯзаҳ андозад; оре, ба шумо мегӯям, ки аз Ӯ тарсед+.

[6] Оё панҷ гунҷишк ба ду фулус фурӯхта намешавад? Ва ягонтои онҳо аз назари Худо намеафтад.

[7] Ва ҳатто ҳамаи мӯйҳои сари шумо шумурда шудааст. Пас, натарсед: шумо аз бисьёр гунҷишкон бартарӣ доред+.

[8] Ва Ман ба шумо мегӯям: ҳар кӣ Маро дар назди мардум эътироф кунад, Писари Одам низ вайро дар назди фариштагони Худо эътироф хоҳад кард;+

[9] Лекин ҳар кӣ Маро дар назди мардум инкор кунад, вай дар назди фариштагони Худо инкор карда хоҳад шуд+.

[10] Ва ҳар кӣ бар зидди Писари Одам сухане гӯяд, ба вай омурзида мешавад; лекин ҳар кӣ бар зидди Рӯҳулкудс куфр гӯяд, ба вай омурзида нахоҳад шуд+.

[11] Ҳар гоҳ шуморо ба куништҳо ва назди сардорон ва ҳокимон баранд, андеша накунед, ки чӣ гуна ё чӣ ҷавобе бояд бидиҳед ва ё чӣ сухане бояд бигӯед;

[12] Зеро ки дар он соат Рӯҳулқудс шуморо таълим хоҳад дод, ки чӣ бояд гуфт»+.

## Огоҳонидан аз тамаъкорӣ.

13 •Шахсе аз миёни мардум ба Ӯ гуфт: «Эй Устод! Ба бародарам бигӯй, ки меросро бо ман тақсим кунад».
14 Ба вай гуфт: «Эй одамизод, кӣ Маро бар шумо қозӣ ё ҳакам таъин кардааст?»
15 Ва ба онҳо гуфт: «Зинҳор, аз тамаъкорӣ ҳазар кунед, зеро ки ҳаёти одам ба фаровонии дороии вай вобаста нест»+.

## Масал дар бораи сарватдори беақл.

16 Ва масале ба онҳо гуфт: «Киштзори як марди сарватдор ҳосили фаровоне овард;
17 Ва дар дили худ андеша карда, гуфт: „Чӣ кунам, модоме ки барои анбор кардани ҳосилоти худ ҷое надорам?“
18 Ва гуфт: „Чунин мекунам: анборҳои худро вайрон карда, калонтарашро бино мекунам, ва дар он ҷо тамоми ғалладона ва тамоми дороии худро ҷамъ меоварам.
19 Ва ба ҷони худ мегӯям: Эй ҷони ман! Дороии бисьёре барои чандин сол дорӣ: фароғат кун, бихӯр, бинӯш ва димоғчоқӣ кун“+.
20 Вале Худо ба вай гуфт: „Эй нодон! Худи имшаб ҷонатро аз ту талаб мекунанд; пас, он чи захира кардӣ, насиби кӣ мешавад?“+
21 Чунин аст ҳоли касе ки барои худ ганҷҳо ғун мекунад, вале пеши Худо сарвате надорад»+.

## Ғамхории сохта ва дуруст.

22 Ва Ӯ ба шогирдонаш гуфт: «Бинобар ин ба шумо мегӯям: барои ҳаёти худ ғамҳорӣ накунед, ки чӣ бихӯред, низ барои ҷисми худ, ки чӣ бипӯшед:+
23 Ҳаёт аз хӯрок ва ҷисм аз пӯшок муҳимтар аст.
24 Ба зоғон нигоҳ кунед: онҳо на мекоранд, на медараванд; на ганҷинае доранд, на анборе, ва Худо ба онҳо рӯзӣ мерасонад; пас шумо аз паррандагон чӣ кадар бештар арзанда ҳастед!+
25 Ва кист аз шумо, ки бо ғамхории худ қоматашро як зироъ баланд карда тавонад?
26 Пас, агар шумо аз ӯҳдаи чунин кори, хурдтарин баромада натавонед, чаро ба дигараш ғамхорӣ мекунед?

[27] Ба савсанҳо назар кунед, ки чӣ гуна нашъунамо меёбанд: на меҳнат мекунанд ва на мересанд; лекин ба шумо мегӯям, ки Сулаймон ҳам бо тамоми ҷалоли худ чун яке аз онҳо либос напӯшидааст+.

[28] Пас, агар Худо алафи саҳроро, ки имрӯз ҳасту фардо ба танӯр андохта мешавад, чунин бипӯшонад, шуморо, эй сустимонҳо, чӣ қадар аз он беҳтар пӯшонда метавонад!+

[29] Ва шумо дар ҷустуҷӯи он набошед, ки чӣ бихӯред ё чӣ бипӯшед, ва аз ғам осуда бошед,

[30] Чунки қавмҳои ҷаҳон дар ҷустуҷӯи ҳамаи ин чизҳо мебошанд; лекин Падари шумо медонад, ки шумо ба ин чизҳо эҳтиёҷ доред;

[31] Балки Малакути Худоро биталабед, ва ҳамаи ин барои шумо илова хоҳад шуд+.

[32] Натарс, эй рамаи хурд! Зеро ки Падари шумо таваҷҷӯҳ намудааст, ки Малакутро ба шумо ато кунад+.

[33] Дороии худро бифрӯшед ва садақа диҳед. Барои худ ҳамьёнҳои кӯҳнанашаванда, ганҷи бепоён дар осмон муҳайё созед, ки дузд ба он наздик намешавад, ва куя онро намезанад;+

[34] Зеро ҳар ҷо, ки ганҷи шумост, дили шумо низ дар он ҷо хоҳад буд.

## Дар бораи интизорӣ ба омадани Масеҳ.

[35] •Камарҳотон баста ва чароғҳотон фурӯзон бошад;

[36] Ва худатон монанди касоне бошед, ки ба оғои худ интизорӣ доранд, то ки ҳангоми аз тӯи арӯсӣ омада дарро кӯфтанаш дарҳол барояш воз кунанд+.

[37] Хушо ҳамон ғуломоне ки оғояшон, дар вақти омаданаш, онҳоро бедор меёбад; ба ростӣ ба шумо мегӯям, ки вай камари худро баста, онҳоро назди суфра хоҳад шинонд ва пеш омада, ба онҳо хизмат хоҳад кард.

[38] Ва агар дар поси дуюм* ва дар поси сеюми* шаб омада, онҳоро чунин ёбад, хушо он ғуломон!

[39] Лекин ҳаминро шумо медонед, ки агар соҳиби хона медонист, ки дар кадом соат дузд меояд, бедор монда, намегузошт, ки ба хонааш нақб занад:+

40 Пас, шумо низ тайёр бошед, зеро дар соате ки гумон надоред,
Писари Одам меояд».
41 Петрус гуфт: «Худовандо! Оё ин масалро барои мо гуфтӣ, ё
барои ҳама?»

## Масал дар бораи гумошта.

42 Ҳудованд гуфт: «Кист он гумоштаи мӯътамад ва доно, ки оғояш
вайро бар хизматгорони худ таъин карда бошад, то ки ба онҳо дар
сари вақт хӯрок диҳад?
43 Хушо он ғуломе ки оғояш омада, вайро машғули ҳамин кор
ёбад;+
44 Ба ростӣ ба шумо мегӯям, ки вайро бар тамоми дороии худ
таъин хоҳад кард.
45 Лекин агар он ғулом дар дили худ гӯяд, ки „оғои ман ба зудӣ
намеояд“, ва ба задани ғуломону канизон ва ба хӯрдану нӯшидану
маст шудан шурӯъ кунад,+
46 Оғои он ғулом дар рӯзе ки ӯ мунтазир нест, ва дар соате ки
гумон надорад, хоҳад омад, ва ӯро ду пора карда, қисматашро ба
хоинон баробар хоҳад кард.
47 Ва он ғулом, ки иродаи оғои худро медонист, вале тайёр нашуд
ва мувофиқи иродаи вай амал накард, шаттаи бисьёре хоҳад хӯрд;
48 Аммо он ки намедонист ва корҳои сазовори ҷазо кард, камтар
шатта хоҳад хӯрд. Ба ҳар касе ки бисьёр ато шуда бошад, аз вай
бисьёр талаб карда мешавад; ва ба ҳар касе ки амонати бисьёр
супурда шуда бошад, аз вай бисьёртар талаб мекунанд+.

## Исо ҷудоии одамонро пешгӯӣ мекунад.

49 •Ман омадаам, то ки оташе бар замин фурӯд оварам, ва хеле
иштиёқмандам, ки он ҳоло фурӯзон шавад!
50 Маро таъмиде дар пеш аст, таъмиде ки бояд биёбам; ва чӣ қадар
дар изтироб ҳастам, то даме ки ин ба амал ояд!+
51 Оё шумо гумон мекунед, ки Ман омадаам, то осоиштагӣ бар
замин биёрам? Не, мегӯям ба шумо, балки барои он ки ҷудоӣ
биёрам;+
52 Зеро ки минбаъд панҷ нафар дар як хона аз ҳам ҷудо хоҳанд
буд: се аз ду, ва ду аз се;

53 Падар аз писар ва писар аз падар, модар аз духтар ва духтар аз
модар, модаршӯ аз келин ва келин аз модаршӯ ҷудо хоҳад буд»+.

## Аломоти замон наҷоти ҷонро ба хотир меоварад.

54 •Ба мардум низ гуфт: «Вақте ки абри аз ғарб пайдошударо
мебинед, дарҳол мегӯед: „Борон хоҳад борид“; ва чунин мешавад;
55 Ва ҳангоме ки боди ҷанубӣ мевазад, мегӯед: „Гармо хоҳад
омад“; ва меояд.
56 Эй риёкорон! Киёфаи замину осмонро шинохта метавонед, пас
чӣ гуна ин замонро шинохта наметавонед?
57 Пас, чаро шумо аз пеши худ хукм намекунед, ки адолат чист?
58 Вақте ки ту бо даъвогари худ назди сардорон меравӣ, дар аснои
роҳ саъю кӯшиш намо, ки аз вай халос шавӣ, то ки вай туро назди
қозӣ набарад, ва козӣ туро ба мулозим насупорад, ва мулозим туро
ба зиндон наандозад;+
59 Ба ту мегӯям, ки то фулуси охиринро адо накунӣ, аз он ҷо берун
нахоҳӣ рафт».

## Дар бораи тавба.

**13** 1 Дар ҳамин вақт баъзеҳо омада, ба Ӯ дар бораи ҷалилиёне нақл карданд, ки хуни онҳоро Пилотус бо қурбониҳои онҳо омехтааст+.

2 Исо дар ҷавоби онҳо гуфт: «Оё гумон мекунед, ки ин ҷалилиён аз ҳамаи ҷалилиён зиёдтар гуноҳкор будаанд, ки чунин азоб кашидаанд+?

3 Не, мегӯям ба шумо; лекин агар тавба накунед, ҳамаатон ҳамин тавр нобуд хоҳед шуд.

4 Ва оё гумон мекунед, ки он ҳаждаҳ одам, ки бурҷи Шилӯаҳ ба болояшон афтода, онҳоро нобуд карда буд, аз ҳамаи сокинони Ерусалим зиёдтар айбдор буданд+?

5 Не, мегӯям ба шумо; лекин агар тавба накунед, ҳамаатон ҳамин тавр нобуд хоҳед шуд».

## Масал дар бораи дарахти анҷири бемева.

6 Ва чунин масале гуфт: «Шахсе дар токзори худ дарахти анҷире шинонда буд, ва омад, то ки мевае аз он пайдо кунад, вале чизе наёфт+.

7 Ва ба токдор гуфт: „Инак, се сол боз ман меоям, то ки аз ин дарахти анҷир мевае пайдо кунам, вале чизе намеёбам; онро бибур: барои чӣ заминро беҳуда банд кунад?“+

8 Аммо вай дар ҷавоб гуфт: „Эй оғо! Имсол ҳам онро бимон, то ки гирдашро канда, нурӣ андозам:

9 Шояд, бор оварад; ва агар наоварад, соли оянда онро мебурӣ“».

## Исо дар рӯзи шанбе шифо медиҳад.

10 Дар яке аз куништҳо Ӯ рӯзи шанбе таълим медод;+

11 Ва инак, зане ҳаждаҳ сол боз гирифтори рӯҳи заъф буд: вай қадхамида буд, ва қоматашро рост карда наметавонист.

12 Исо чун вайро дид, вайро садо карда, гуфт: «Эй зан! Аз ранҷурии худ халос мешавӣ».

13 Ва дастҳои Худро бар вай гузошт; вай дарҳол қомат рост кард ва Худоро ҳамду сано хонд+.

14 Сардори куништ чун дид, ки Исо дар рӯзи шанбе шифо дод,
дарғазаб шуда, ба мардум гуфт: «Шаш рӯз ҳаст, ки дар онҳо кор бояд
кард; дар ҳамон рӯзҳо омада, шифо ёбед, на ин ки дар рӯзи шанбе»+.
15 Худованд дар ҷавоби вай гуфт: «Эй риёкор! Оё ҳар яке аз шумо
гов ё хари худро дар рӯзи шанбе аз охур воз карда, барои об додан
намебарад+?
16 Ва ин духтари Иброҳимро, ки шайтон ҳаждаҳ сол боз баста буд,
оё дар рӯзи шанбе аз он бандҳояш халос кардан лозим набуд?»
17 Вақте ки Ӯ ин суханонро гуфт, ҳамаи мухолифонаш дар хиҷолат
монданд; ва тамоми мардум аз ҳамаи корҳои аҷоиби Ӯ шод буданд+.

## Масал дар бораи донаи хардал.

18 •Ва Ӯ гуфт: «Малакути Худо ба чӣ монанд аст, ва онро ба чӣ
монанд кунам?
19 Он мисли донаи хардалест, ки касе онро гирифта, дар боғи худ
партофт: ва он нумӯ карда, дарахти калоне шуд, ва мурғони ҳаво дар
шохаҳояш ошьёна сохтанд»+.

## Масал дар бораи хамиртуруш.

20 Боз гуфт: «Малакути Худоро ба чӣ монанд кунам?
21 Он монанди хамиртурушест, ки зане онро гирифта, ба се ченак
орд андохт, то ки тамоми хамир расид»+.

## Ҷавоби Исо ба савол дар бораи он ки оё шумораи наҷотьёбандагон кам аст.

22 •Ва Ӯ дар шаҳрҳо ва деҳот гашта, таълим медод, дар ҳолате ки
роҳи Ерусалимро пеш гирифта буд.
23 Касе ба Ӯ савол дода, гуфт: «Худовандо! Наход ки шумораи
наҷотьёбандагон кам аст?» Ба онҳо гуфт:
24 «Саъю кӯшиш кунед, ки аз дари танг дохил шавед, зеро ба шумо
мегӯям, ки бисьёр касон ба дохил шудан ҷидду ҷаҳд хоҳанд кард,
лекин нахоҳанд тавонист.
25 Вақте ки Соҳиби хона бархоста, дарро бандад, шумо дар берун
истода, дарро мекӯбеду мегӯед: „Худовандо! Худовандо! Ба мо воз

кун“. Вале Ӯ дар ҷавоби шумо хоҳад гуфт: „Шуморо намешиносам, ки
аз куҷо ҳастед“+.
26 Он гоҳ хоҳед гуфт: „Мо пеши Ту хӯрдем ва нӯшидем, ва дар
кӯчаҳои мо Ту таълим медодӣ“.
27 Лекин Ӯ хоҳад гуфт: „Ба шумо мегӯям: шуморо намешиносам,
ки аз куҷо ҳастед; ҳама аз Ман дур шавед, эй бадкорон“+.
28 Дар он ҷо гирья ва ғиҷирроси дандон хоҳад буд, чун Иброҳим,
Исҳоқ ва Яъқуб ва тамоми анбиёро дар Малакути Худо бубинед, вале
худатон бадар ронда шуда бошед+.
29 Ва аз шарқ ва ғарб ва шимол ва ҷануб омада, дар Малакути Худо
хоҳанд нишаст+.
30 Ва инак, охиринҳо ҳастанд, ки аввалин хоҳанд шуд, ва
аввалинҳо ҳастанд, ки охирин хоҳанд шуд»+.

## Нияти Ҳиродус, ки Исоро бикушад.

31 •Дар ҳамон рӯз баъзе аз фарисиён омада, ба Ӯ гуфтанд: «Баро ва
аз ин ҷо бирав, зеро ки Ҳиродус мехоҳад Туро ба қатл расонад»+.
32 Ба онҳо гуфт: «Биравед ва ба он рӯбоҳ бигӯед: „Инак, имрӯз ва
фардо девҳоро берун мекунам ва беморонро шифо медиҳам, ва дар
рӯзи сеюм саранҷом хоҳам ёфт“;
33 Лекин Маро лозим аст, ки имрӯз, фардо ва пасфардо роҳ равам,
зеро мумкин нест, ки набӣ берун аз Ерусалим бимирад.

## Шикояти Исо дар бораи Ерусалим.

34 Эй Ерусалим, Ерусалим, ки анбиёро мекушӣ ва онҳоеро, ки
назди ту фиристода шудаанд, сангсор мекунӣ! Чанд бор хостам
фарзандони туро ҷамъ кунам, монанди мокиёне ки чӯҷаҳои худро
зери болаш ҷамъ мекунад, ва шумо нахостед!+
35 Инак, хонаи шумо ба шумо вайрон гузошта мешавад. Ба шумо
мегӯям, ки Маро дигар нахоҳед дид, то даме ки бигӯед: „Муборак аст
Он ки ба исми Худованд меояд!“»+

## Исо дар рӯзи шанбе шифо медиҳад.

**14** 1 Як рӯзи шанбе Ӯ ба хонаи яке аз сардорони фарисиён барои
хӯрок хӯрдан омад, ва онҳо Ӯро мушоҳида мекарданд:+
2 Ва инак, марде пеши Ӯ омад, ки гирифтори бемории истисқо*
буд.
3 Исо ба шариатдонон ва фарисиён рӯ оварда, гуфт: «Оё дар рӯзи
шанбе шифо додан ҷоиз аст ё не?»+
4 Онҳо хомӯш монданд. Ва Ӯ он мардро ламс намуда, шифо
бахшид ва фиристод.
5 Ва ба онҳо гуфт: «Кист аз шумо, ки хараш ё говаш ба даруни чоҳе
афтода бошад, дарҳол онро дар рӯзи шанбе берун наоварад?»+
6 Ба ин гап эроде гирифта натавонистанд.

## Масал дар бораи онҳое ки дӯст медоранд дар базм пешгоҳнишин бошанд.

7 Чун Ӯ пайхас намуд, ки даъватшудагон барои нишастани худ
пешгоҳро интихоб мекунанд, ба онҳо масале гуфт:+
8 «Вақте ки касе туро ба тӯи арӯсӣ даъват менамояд, дар пешгоҳ
нанишин: мабодо дар миёни даъватшудагон шахси аз ту
мӯҳтарамтаре бошад,+
9 Ва он касе ки туро ва ӯро даъват намудааст, назди ту биёяду
гӯяд: „Ҷои худро ба ӯ бидеҳ“; ва он гоҳ бо хиҷолат дар поини хона
ҷой гирифтанат лозим мешавад.
10 Балки, агар туро даъват карда бошанд, омада, дар поини хона
бинишин, то он касе ки туро даъват намудааст, назди ту биёяду гӯяд:
„Эй дӯст! Болотар бинишин“; он гоҳ туро пеши ҳамнишинонат
эҳтироме хоҳад буд,
11 Зеро ҳар кӣ худро баланд кунад, паст гардад, ва ҳар кӣ худро
фурӯтан созад, сарафроз гардад»+.

## Порсоии фарисиён не, балки раҳмдилӣ муҳим аст.

12 Ва ба он касе ки Ӯро даъват намуда буд, гуфт: «Вақте ки хӯроки
пешинӣ ё хӯроки бегоҳӣ ташкил мекунӣ, дӯстон ё бародарон ё хешон
ё ҳамсоягони сарватдори худро даъват накун: мабодо онҳо низ туро
даъват намоянд, ва мукофоти ту дода шавад.

13 Балки, чун зиёфат медиҳӣ, мискинон, маъюбон, шалон ва
кӯронро даъват намо,
14 Ва ту хушбахт хоҳӣ буд, ки онҳо имконият надоранд мукофоте
ба ту бидиҳанд; зеро ки дар рӯзи эҳьёи одилон мукофоте ба ту ато
хоҳад шуд»+.

15 •Яке аз онҳое ки бо Ӯ назди суфра нишаста буданд, ин
суханонро шунида, ба Ӯ гуфт: «Хушо касе ки дар Малакути Худо
хӯрок хӯрад!»+

## Масал дар бораи онҳое ки ба зиёфат даъват шудаанд.

16 Ва Ӯ ба вай гуфт: «Шахсе зиёфати калоне ташкил карда, бисьёр
касонро даъват намуд;
17 Чун вақти зиёфат расид, ғуломи худро фиристод, то ки ба
даъватшудагон гӯяд: „Биёед, зеро ки ҳама чиз тайёр аст“.
18 Ва ҳама, гӯё ки забон як карда бошанд, ба узрхоҳӣ сар карданд.
Аввалин ба вай гуфт: „Ман замин харидаам, ва рафта онро диданам
лозим аст; аз ту хоҳишмандам, ки маро маъзур дорӣ“.
19 Дигаре гуфт: „Ман панҷ ҷуфт барзагов харидаам ва меравам, ки
онҳоро имтиҳон намоям; аз ту хоҳишмандам, ки маро маъзур дорӣ“.
20 Сеюмин гуфт: „Ман зан гирифтаам ва ба ин сабаб наметавонам
биёям“+.
21 Ва он ғулом омада, инро ба оғои худ хабар дод. Он гоҳ соҳиби
хона дарғазаб шуда, ба ғуломи худ гуфт: „Зуд ба кӯчаву паскӯчаҳои
шаҳр баро, ва мискинон, маъюбон, шалон ва кӯронро ба ин ҷо биёр“.
22 Ва ғулом гуфт: „Эй оғо! Он чи гуфтӣ, иҷро шуд, ва боз ҷой ҳаст“.
23 Ва оғо ба ғулом гуфт: „Ба сари роҳҳо ва кӯчабоғҳо баромада,
мардумро ба омадан ризо кун, то ки хонаи ман пур шавад;
24 Зеро ба шумо мегӯям, ки ҳеҷ яке аз он шахсони даъватшуда
хӯроки маро нахоҳад чашид: зеро ки даъватшудагон бисьёранд, аммо
баргузидагон — кам“».

## Исоро пайравӣ карда намешавад бе он ки кас ба таври ҷиддӣ тарки ҳама чиз кунад ва худро имтиҳон намояд.

25 •Бо Ӯ мардуми бисьёре равона буданд; ва Ӯ ба онҳо рӯ оварда,
гуфт:

[26] «Агар касе назди Ман ояд ва аз падару модар, зану фарзандон,
бародарону хоҳарон ва ҳамчунин аз ҷони худ нафрат накунад, вай
наметавонад шогирди Ман бошад;+
[27] Ва ҳар кӣ салиби худро бардошта, Маро пайравӣ намекунад,
наметавонад шогирди Ман бошад;+

## Масал дар бораи касе ки бурҷе месозад.

[28] Зеро кист аз шумо, ки бурҷе сохтанӣ шуда, аввал нишаста харҷи
онро ҳисоб накунад, ки оё ӯ имконияти ба анҷом расондани онро
дорад,
[29] Ки мабодо, баъд аз ниҳодани таҳкурсии он, ба тамом карданаш
қуввати ӯ нарасад, ва ҳамаи касоне ки инро мебинанд, ӯро тамасхур
кунанд
[30] Ва гӯянд: „Ин шахс ба сохтан шурӯъ намуд ва ба тамом кардан
кувваташ нарасид?“

## Масал дар бораи подшоҳе ки ба ҷанг медарояд.

[31] Ё кадом подшоҳ аст, ки ба муқобили подшоҳи дигар ба ҷанг
даромаданӣ шуда, аввал нишаста маслиҳат накунад, ки оё бо даҳ
ҳазор аскар қодир аст ба касе муқовимат намояд, ки бо бист ҳазор
аскар бар зидди ӯ меояд?
[32] Вагар на, ҳанӯз ки вай дур аст, назди вай элчӣ фиристода, сулҳ
металабад.
[33] Ҳамчунин ҳар яке аз шумо, агар аз тамоми дороии худ даст
накашад, наметавонад шогирди Ман бошад.

## Дар бораи намаке ки қувваташро гум карда бошад.

[34] Намак хуб аст; лекин агар намак қувваташро гум кунад, ба
кадом чиз боз намакин шавад+?
[35] На барои замин кор меояд, на барои нурӣ; онро бароварда
мепартоянд. Ҳар кӣ гӯши шунаво дорад, бишнавад!»+

## Шикваи фарисиён ва китобдонон.

15 [1] •Ҳамаи боҷгирон ва гуноҳкорон назди Ӯ меомаданд, то ки
суханони Ӯро гӯш кунанд.
[2] Вале фарисиён ва китобдонон шиквакунон мегуфтанд: «Ӯ
гуноҳкоронро пазирой мекунад ва бо онҳо хӯрок мехӯрад»+.

## Масал дар бораи гӯсфанди гумшуда.

[3] Ва Ӯ ба онҳо ин масалро гуфт:
[4] «Кист аз шумо, ки сад гӯсфанд дошта бошад ва яке аз онҳоро гум
кунад, он наваду нӯҳро дар биёбон гузошта, аз ақиби он гумшуда
намеравад, то даме ки онро биёбад+?
[5] Ва чун ёфт, бо шодӣ онро бар китфи худ мегузорад;
[6] Ва ба хонаи худ омада, дӯстон ва ҳамсоягонро ҷеғ мезанад ва ба
онҳо мегӯяд: „Бо ман шодӣ кунед, ки гӯсфанди гумшудаи худро
ёфтаам“+.
[7] Ба шумо мегӯям, ки дар осмон барои як гуноҳкоре ки тавба
мекунад, шодӣ зиёдтар хоҳад буд, назар ба наваду нӯҳ одиле ки ба
тавба эҳтиёҷ надоранд+.

## Масал дар бораи дирҳами гумшуда.

[8] Ё кадом зан аст, ки даҳ дирҳам дошта бошад ва як дирҳамро гум
карда, шамъе дарнагиронад ва хонаро рӯфта, бодиққат ҷустуҷӯ
накунад, то даме ки онро биёбад?
[9] Ва чун ёфт, дӯстон ва ҳамсоягони худро ҷеғ зада мегӯяд: „Бо ман
шодӣ кунед, ки дирҳами гумшудаи худро ёфтам“.
[10] Ба шумо мегӯям, ки дар миёни фариштагони Худо барои як
гуноҳкоре ки тавба мекунад, ҳамин тавр шодӣ мешавад».

## Масал дар бораи писари ноқобил.

[11] Боз гуфт: «Шахсе ду писар дошт;
[12] Ва хурдии онҳо ба падар гуфт: „Эй падар! Он қисми молу
мулкро, ки бояд ба ман расад, ба ман деҳ“. Ва падар дороии худро ба
онҳо тақсим кард+.
[13] Баъд аз чанд рӯз писари хурдӣ ҳар он чи дошт, ҷамъ карда, ба
кишвари дурдасте рафт ва дар он ҷо дороии худро дар айшу нӯш

исроф намуд.
[14] Вақте ки ҳамаашро сарф кард, қаҳтии сахте дар он кишвар рӯй
дод, ва ӯ ба мӯҳтоҷӣ дучор шуд;
[15] Ва рафта, хизматгори яке аз сокинони он кишвар шуд, ки вай
ӯро ба саҳрои худ фиристод, то ки хукбонӣ кунад;
[16] Ва ӯ орзу дошт шиками худро аз харнубе* ки хукон мехӯрданд,
пур кунад, лекин ҳеҷ кас онро ба ӯ намедод.
[17] Оқибат ӯ ба худ омада, гуфт: „Чӣ қадаре аз муздурони падарам
нони фаровон доранд, аммо ман дар ин ҷо аз гурӯснагӣ ба ҳалокат
мерасам!
[18] Бархоста, назди падарам меравам ва ба вай мегӯям: эй падар!
Ман пеши осмон ва пеши ту гуноҳ кардаам,+
[19] Ва дигар лоиқи он нестам, ки писари ту хонда шавам; маро чун
яке аз муздуронат қабул кун“.
[20] Ва ӯ бархоста, сӯи падараш равона шуд. Ва ҳанӯз ӯ хеле дур буд,
ки падараш ӯро дида, раҳмаш омад; ва тозон рафта, ӯро ба оғӯш
кашиду бӯсид.
[21] Ва писар ба вай гуфт: „Эй падар! Ман пеши осмон ва пеши ту
гуноҳ кардаам, ва дигар лоиқи он нестам, ки писари ту хонда
шавам“.
[22] Аммо падар ба ғуломони худ гуфт: „Либоси беҳтарине оварда,
ба ӯ бипӯшонед, ва ангуштарин ба дасташ ва мӯза ба пойҳояш
бидиҳед;+
[23] Ва гӯсолаи охуриро оварда, сар буред: бихӯрем ва димоғчоқӣ
кунем,
[24] Зеро ки ин писарам мурда буд ва зинда шуд, гум шуда буд ва
ёфт шуд“. Ва ба димоғчоқӣ шурӯъ карданд+.
[25] Лекин писари калонии вай дар саҳро буд; ва ҳангоме ки
баргашта, ба хона наздик шуд, садоҳои суруду сурур ба гӯшаш расид;
[26] Ва яке аз хизматгоронро ҷеғ зада, пурсид, ки ин чӣ маъно
дорад?
[27] Вай ба ӯ гуфт: „Бародарат омад, ва падарат гӯсолаи охуриро сар
бурид, чунки ӯро сиҳат саломат дид“.
[28] Ӯ ба хашм омада, нахост ба хона дарояд. Ва падараш баромада,
ӯро ҷеғ зад.

29 Аммо ӯ дар ҷавоби падараш гуфт: „Инак, чандин сол аст, ки ман
ба ту хизмат мекунам ва ҳаргиз аз фармони ту гардан натофтаам;
вале ту ҳаргиз ба ман як бузғола ҳам надодаӣ, то ки бо дӯстони худ
димоғчоқӣ кунам;
30 Ва чун ин писарат, ки дороии туро ба фоҳишаҳо барбод додааст,
гашта омад, ту барои вай гӯсолаи охуриро сар буридаӣ“+.
31 Ба ӯ гуфт: „Писарам! Ту ҳамеша бо ман ҳастӣ, ва ҳар он чи ман
дорам, аз они туст;
32 Аммо ба он мебоист шодӣ ва димоғчоқӣ мекардем, ки ин
бародарат мурда буд ва зинда шуд, гум шуда буд ва ёфт шуд“».

## Масал дар бораи амалдори ҳаким, вале ноинсоф.

**16** 1 Ба шогирдони Худ низ гуфт: «Як марди сарватдор буд, ки амалдоре дошт, ва дар ҳаққи вай ба ӯ шикоят карданд, ки молу мулки ӯро исроф менамояд;

2 Вайро ҷеғ зада, гуфт: „Ин чист, ки дар ҳаққи ту шунидаам? Аз амалиёти худ ҳисобот деҳ, зеро ки дигар наметавонӣ амалдор бошӣ“.

3 Он амалдор дар дили худ гуфт: „Чӣ кунам? Оғоям маро аз вазифаам маҳрум месозад: аз ӯҳдаи каландзанӣ намебароям, аз гадоӣ шарм мекунам;

4 Медонам, чӣ кунам, то ки мардум, ҳангоми аз вазифа маҳрум шуданам, маро дар хонаҳои худ пазироӣ кунанд“.

5 Ва ҳар яке аз қарздорони оғои худро ба танҳоӣ ҷеғ зада, ба якумин гуфт: „Ту аз оғои ман чӣ қадар қарздор ҳастӣ?“

6 Гуфт: „Сад ченак равған“. Ба вай гуфт: „Забонхати худро бигир ва зуд нишаста, панҷоҳ бинавис“.

7 Баъд ба дигаре гуфт: „Ту чӣ қадар қарздор ҳастӣ?“ Дар ҷавоб гуфт: „Сад ченак гандум“. Ба вай гуфт: „Забонхати худро бигир ва ҳаштод бинавис“.

8 Ва он оғо амалдори ноинсофро таъриф кард, ки оқилона рафтор кардааст; зеро ки писарони ин олам дар муомила бо мардуми насли худ аз писарони нур оқилтаранд+.

9 Ва Ман ба шумо мегӯям: бо сарвати ноинсофона барои худ дӯстон пайдо кунед, то ки онҳо дар вақти тамом шудани он шуморо ба масканҳои ҷовидонӣ пазироӣ кунанд.

10 Касе ки дар чизи андак мӯътамад бошад, дар чизи бисьёр низ мӯътамад аст, ва касе ки дар чизи андак ноинсофӣ кунад, дар чизи бисьёр низ ноинсоф аст+.

11 Пас, модоме ки шумо дар сарвати ноинсофона мӯътамад набудед, кист, ки сарвати ҳақиқиро ба шумо месупурда бошад+?

12 Ва модоме ки дар чизи бегона мӯътамад набудед, кист, ки чизи худатонро ба шумо медода бошад?

13 Ҳеҷ ғулом ба ду оғо хизмат карда наметавонад: зеро ки ё аз яке нафрат карда, дигареро дӯст хоҳад дошт; ё ба яке часпида, дигареро хор хоҳад дид. Шумо наметавонед ба Худо ва ба мамуно хизмат кунед»+.

## Дар бораи порсоии сохтаи фарисиён ва аҳамияти Таврот.

14 •Ва фарисиён, ки зарпараст буданд, ҳамаи инро шунида, Ӯро
тамасхур карданд+.
15 Ба онҳо гуфт: «Шумо худро пеши мардум одил вонамуд
мекунед, вале Худо аз дилҳои шумо огоҳ аст: зеро он чи дар назари
мардум олидараҷа аст, пеши Худо зишт аст+.
16 Таврот ва суҳафи анбиё то Яҳъёст; аз он вақт ин ҷониб Малакути
Худо башорат дода мешавад, ва ҳар кас бо ҷидду ҷаҳд ба он дохил
мегардад+.
17 Лекин фанои осмон ва замин осонтар аст аз он ки нуқтае аз
Таврот маҳв шавад+.

## Исо дар бораи талоқ.

18 Ҳар кӣ зани худро талоқ дода, зани дигаре гирад, зино карда
бошад; ва ҳар кӣ зани талоқшударо гирад, зино карда бошад+.

## Сарватдор ва Лаъзор.

19 Шахси сарватдоре буд, ва либосҳои арғувон ва катон дар бар
мекард, ва ҳар рӯз базми боҳашамат барпо мекард.
20 Ва Лаъзор ном мискине назди дарвозаи ӯ мехобид, ва баданаш
пур аз захм буд;
21 Ва орзу дошт аз он чи аз дастархони он сарватдор меафтод,
шиками худро сер кунад; ва сагон омада, захмҳои ӯро мелесиданд.
22 Вақте ки он мискин мурд, фариштагон ӯро ба оғӯши Иброҳим
бурданд; он сарватдор низ мурд, ва ӯро дафн карданд;+
23 Ва дар дӯзах ӯ, дар ҳолате ки азобу уқубат мекашид, чашм
андохта, аз дур Иброҳимро бо Лаъзор, ки дар оғӯшаш буд, дид+
24 Ва фарьёд зада, гуфт: „Эй падарам Иброҳим! Ба ман марҳамат
кун ва Лаъзорро бифирист, то ки нӯги ангушташро ба об тар карда,
забони маро салқин гардонад, зеро ки ман дар аланга азият
мекашам“+.
25 Лекин Иброҳим гуфт: „Эй фарзандам! Ба хотир овар, ки дар
зиндагиат чизҳои хуб насиби ту ва чизҳои бад насиби Лаъзор шуда
буд; акнун вай дар ин ҷо фароғат меёбад, ва ту азоб мекашӣ;

[26] Ва илова бар ҳамаи ин, дар миёни мо ва шумо вартаи бузурге
воқеъ аст, ба тавре ки онҳое ки аз ин ҷо назди шумо гузаштан
мехоҳанд, наметавонанд, ҳамчунин аз он ҷо назди мо
намегузаранд“.
[27] Ва ӯ гуфт: „Пас, эй падар, аз ту илтимос мекунам, ки вайро ба
хонаи падари ман бифирист.
[28] Зеро ки ман панҷ бародар дорам: бигзор онҳоро таъкид кунад,
ки онҳо ҳам ба ин макони азобу уқубат наоянд“.
[29] Иброҳим ба ӯ гуфт: „Онҳо Мусо ва анбиё доранд; ба
суханонашон гӯш кунанд“+.
[30] Аммо ӯ гуфт: „Не, падарам Иброҳим! Лекин агар яке аз
мурдагон назди онҳо равад, тавба хоҳанд кард“.
[31] Ба ӯ гуфт: „Модоме ки ба Мусо ва анбиё гӯш намедиҳанд, ҳатто
агар яке аз мурдагон эҳьё шавад ҳам, бовар нахоҳанд кард“»+.

## Дар бораи ҷиддияти васвасаҳо, дар бораи муҳаббати афвкунанда ва қуввати имон.

**17** [1] •Ва Ӯ ба шогирдони Худ гуфт: «Хеҷ мумкин нест, ки
васвасаҳо ба миён наоянд, лекин вой бар ҳоли касе ки ба
воситаи вай ба миён оянд:+
[2] Бар гардани вай санги осиёе овехта, вайро дар баҳр афкананд,
барои вай беҳтар аст аз он ки вай яке аз ин тифлонро ба васваса
андозад+.
[3] Ба худ назорат кунед. Агар бародарат ба ту гуноҳ кунад, ба ӯ гап
зада, фаҳмон, ва агар тавба кунад, ӯро афв намо;+
[4] Ва агар рӯзе ҳафт карат ба ту гуноҳ кунад ва рӯзе ҳафт карат
руҷӯъ намуда, гӯяд: „Тавба кардам“, — ӯро афв намо»+.
[5] Ва ҳавворийн ба Худованд гуфтанд: «Имони моро зиёд кун»+.
[6] Худованд гуфт: «Агар шумо ба андозаи донаи хардал имон
медоштед ва ба ин дарахти тут мегуфтед: „Решакан гардида, дар
миёни баҳр ҷойгир шав“, — он ба шумо итоат мекард+.

## Масал дар бораи ғуломе ки аз саҳро бармегардад.

[7] Кист аз шумо, ки ғуломаш ба шудгор ё ба чӯпонӣ машғул бошад
ва ҳангоми аз саҳро баргаштанаш ба вай гӯяд: „Зуд омада, назди
суфра бинишин“?
[8] Баръакс, оё ӯ ба вай намегӯяд: „Барои ман хӯроки бегоҳӣ тайёр
кун ва камари худро баста, ба ман хизмат кун, то даме ки бихӯрам ва
бинӯшам, ва баъд аз он худат бихӯр ва бинӯш“?
[9] Оё ӯ ба он ғулом барои он ки фармонҳои ӯро ба ҷо овард,
миннатдорӣ баён мекунад? Гумон намекунам.
[10] Ҳамчунин шумо низ, вақте ки ҳамаи фармонҳои ба шумо
додашударо ба ҷо овардед, бигӯед: „Мо ғуломони ношоям ҳастем;
чунки он чи карданамон лозим буд, кардем“».

## Шифо ёфтани даҳ шахси махавӣ.

[11] Дар аснои роҳи Ерусалим Ӯ аз ҳудуди байни Сомария ва Ҷалил
мегузашт.
[12] Ва ҳангоме ки Ӯ ба қасабае дохил мешуд, даҳ шаҳси махавӣ аз
пешаш баромаданд, ки аз дур истода,+

[13] Бо овози баланд мегуфтанд: «Эй Исои Устод, ба мо марҳамат
кун!»
[14] Ва Ӯ, чун дид, ба онҳо гуфт: «Биравед ва худро ба коҳинон
нишон диҳед». Ва онҳо дар вақти рафтанашон пок шуданд+.
[15] Яке аз онҳо чун дид, ки шифо ёфтааст, баргашта, бо овози
баланд Худоро ҳамду сано хонд,
[16] Ва пеши пойҳои Ӯ рӯй ба замин афтода, ба Ӯ ташаккур гуфт; ва ӯ
марди сомарӣ буд+.
[17] Исо гуфт: «Оё даҳ нафар пок нашуданд? Пас он нӯҳ нафар
куҷоянд?
[18] Оё, ғайр аз ин аҷнабӣ, касе ёфт нашуд, ки баргашта, Худоро
ҳамду сано ҳонад?»
[19] Ва ба вай гуфт: «Бархоста, бирав; имонат туро наҷот дод»+.

## Дар бораи омадани Малакути Худо.

[20] •Чун фарисиён ба Ӯ савол доданд, ки Малакути Худо кай меояд,
дар ҷавоби онҳо гуфт: «Малакути Худо тавре намеояд, ки ба назар
намоён шавад,+
[21] Ва намегӯянд: „Инак, он дар ин ҷост“, ё: „Инак, дар он ҷост“;
зеро инак, Малакути Худо дар дохили шумост».

## Исо дар бораи омадани дуюми Худ сухан меронад.

[22] Ва ба шогирдон гуфт: «Айёме меояд, ки дидани фақат як рӯзи
Писари Одамро орзу ҳоҳед кард, ва нахоҳед дид;+
[23] Ва ба шумо хоҳанд гуфт: „Инак, дар ин ҷост“, ё: „Инак, дар он
ҷост“, — наравед ва аз ақиби онҳо надавед;+
[24] Зеро, чӣ тавре ки барқ аз як канори осмон дурахшида, то канори
дигари осмон нур мепошад, Писари Одам дар рӯзи Худ ҳамин тавр
хоҳад буд.
[25] Лекин аввал Ӯро лозим аст, ки бисьёр азоб кашад ва аз тарафи
ин насл рад карда шавад+.
[26] Ва чӣ тавре ки дар айёми Нӯҳ буд, дар айёми Писари Одам низ
ҳамон тавр хоҳад буд:+
[27] Мехӯрданд, менӯшиданд, зан мегирифтанд, ба шавҳар
мерафтанд — то он рӯзе ки Нӯҳ ба киштӣ даромад, ва тӯфон омада,
ҳамаро нобуд кард+.

[28] Ва чӣ тавре ки дар айёми Лут буд: мехӯрданд, менӯшиданд,
мехариданд, мефурӯхтанд, мекоштанд, иморат мекарданд;
[29] Лекин дар рӯзе ки Лут аз Садӯм баромад, оташ ва кибрит аз
осмон борид ва ҳамаро маҳв кард+.
[30] Дар рӯзи зоҳир шудани Писари Одам низ ҳамон тавр хоҳад буд.
[31] Дар он рӯз ҳар кӣ бар бом буда, чизҳояш дар хона бошад, барои
гирифтани онҳо поён нафурояд; ва ҳар кӣ дар киштзор бошад,
барнагардад:+
[32] Зани Лутро ба хотир оваред+.
[33] Ҳар кӣ ҷони худро нигоҳдорӣ кунад, онро барбод хоҳад дод; ва
ҳар кӣ онро барбод диҳад, онро зинда хоҳад кард+.
[34] Ба шумо мегӯям, ки дар он шаб аз ду нафаре ки дар як ҷогаҳ
бошанд, яке гирифта ва дигаре гузошта хоҳад шуд;
[35] Аз ду зане ки якҷоя бо дастос машғул бошанд, яке гирифта ва
дигаре гузошта хоҳад шуд;
[36] Аз ду нафаре ки дар киштзор бошанд, яке гирифта ва дигаре
гузошта хоҳад шуд».
[37] Дар ҷавоби Ӯ гуфтанд: «Куҷо, эй Худованд?» Ба онҳо гуфт: «Ҳар
куҷо лоша бошад, каргасон низ дар он ҷо ҷамъ мешаванд».

## Масал дар бораи қозии ноинсоф.

18 [1] Ва ба онҳо масале дар бораи он гуфт, ки кас бояд ҳамеша
дуо гӯяд ва маъюс нашавад,+
[2] Ва гуфт: «Дар шаҳре қозие буд, ки на тарсе аз Худо дошт ва на
шарме аз мардум.
[3] Дар он шаҳр бевазане буд, ки назди ӯ омада, мегуфт: „Маро аз
душманонам муҳофизат намо“.
[4] Муддати дуру дарозе қозӣ беэътиноӣ кард. Вале баъдтар дар
дили худ гуфт: „Гарчанде ки ман на тарсе аз Худо дорам ва на шарме
аз мардум,
[5] Лекин азбаски ин бевазан маро ором намегузорад, вайро
муҳофизат хоҳам кард, то ки ҳар дам омада, маро безор накунад“».
[6] Ва Худованд гуфт: «Шунидед, ки ин қозии ноинсоф чӣ мегӯяд?
[7] Магар Худо баргузидагони Худро, ки рӯзу шаб ба даргоҳи Ӯ
зорию илтиҷо мекунанд, муҳофизат намекунад, гарчанде ки дар
муҳофизати онҳо таъхир менамояд+?
[8] Ба шумо мегӯям, ки ба зудӣ онҳоро муҳофизат хоҳад кард.
Лекин вақте ки Писари Одам биёяд, оё имонро бар замин ҳоҳад
ёфт?»+

## Масал дар бораи фарисӣ ва боҷгир.

[9] Ҳамчунин барои касоне ки ба одил будани худ эътимод дошта,
дигаронро хор медиданд, чунин масале гуфт:+
[10] «Ду кас ба маъбад барои ибодат даромаданд, ки яке фарисӣ ва
дигаре боҷгир буд+.
[11] Фарисӣ рост истода, дар дили худ чунин дуо мегуфт: „Худоё!
Туро шукр мегӯям, ки монанди касони дигар: тороҷгарон, золимон,
зинокорон, ё монанди ин боҷгир нестам:+
[12] Ҳафтае ду карат рӯза медорам ва аз ҳар чизе ки ба даст
меоварам, ушр медиҳам“+.
[13] Аммо боҷгир, дуртар истода, ҳатто ҷуръат надошт, ки
чашмонашро сӯи осмон баланд кунад; балки синаи худро мезаду
мегуфт: „Худоё! Ба мани гуноҳкор раҳм кун“+.
[14] Ба шумо мегӯям, ки ин шахс назар ба он шахс бештар сафед
шуда ба хонаи худ рафт: зеро ҳар кӣ худро баланд кунад, паст

мешавад, ва ҳар кӣ худро фурӯтан созад, сарафроз мешавад»+.

## Исо кӯдаконро дуо мекунад.

15 •Кӯдаконро низ назди Ӯ меоварданд, то ки онҳоро ламс кунад;
шогирдон инро дида, ба онҳо монеъ мешуданд.
16 Аммо Исо онҳоро ҷеғ зада, гуфт: «Кӯдаконро бигзоред, ки назди
Ман оянд, ва ба онҳо монеъ нашавед, зеро ки Малакути Худо ба
чунин касон тааллуқ дорад;
17 Ба ростӣ ба шумо мегӯям: ҳар кӣ Малакути Худоро монанди
кӯдак қабул накунад, ба он дохил намешавад»+.

## Исо ва ҷавони сарватдор.

18 •Ва сардоре аз Ӯ пурсид: «Эй Устоди некӯ! Чӣ кунам, то ворисии
ҳаёти ҷовидонӣ шавам?»+
19 Исо ба вай гуфт: «Чаро Маро некӯ мегӯӣ? Ҳеҷ кас некӯ нест, ҷуз
Худои ягона+.
20 Аҳкомро медони: зино накун;
қатл накун;
туздӣ накун;
шаҳодати бардурӯғ надеҳ;
падару модаратро ҳурмат кун»+.
21 Гуфт: «Ҳамаи инро ман аз кӯдакӣ нигоҳ доштаам»+.
22 Исо инро шунида, ба вай гуфт: «Туро боз чизе намерасад: ҳар он
чи дорӣ, бифурӯш ва ба мискинон бидеҳ, ва дар осмон ганҷе ҳоҳӣ
ёфт; ва омада, Маро пайравӣ кун»+.
23 Лекин вай, чун инро шунид, андӯҳгин шуд, зеро ки бағоят
сарватдор буд.
24 Исо андӯҳи вайро дида, гуфт: «Ба Малакути Худо даромадани
сарватдорон чӣ гуна душвор аст!+
25 Зеро ки аз сӯрохи сӯзан гузаштани шутур осонтар аст аз он ки
сарватдор ба Малакути Худо дохил шавад».
26 Шунавандагон гуфтанд: «Пас кӣ метавонад наҷот ёбад?»
27 Гуфт: «Он чи барои одамон ғайриимкон аст, барои Худо
имконпазир аст»+.

## Дар бораи мукофоти шогирдон.

28 Петрус гуфт: «Инак, мо ҳама чизро тарк карда, Туро пайравӣ
намудаем»+.
29 Ба онҳо гуфт: «Ба ростӣ ба шумо мегӯям: касе нест, ки хона, ё
падару модар, ё бародарон, ё хоҳарон, ё зан, ё фарзандонро аз баҳри
Малакути Худо тарк кунаду+
30 Дар ин замон ҳеле зиёдтар ва дар олами оянда ҳаёти ҷовидонӣ
наёбад».

## Исо бори сеюм дар бораи мамоти Худ ва эҳьёи Худ сухан меронад.

31 •Ва он дувоздаҳро назди Худ хонда, ба онҳо гуфт: «Инак, мо сӯи
Ерусалим меравем, ва ҳар он чи бо забони анбиё дар бораи Писари
Одам навишта шудааст, ба амал хоҳад омад:
32 Зеро ки Ӯ ба дасти гайрияҳудиён таслим карда хоҳад шуд, ва
Ӯро тамасхур кунанд, ҳақорат диҳанд, туфборон кунанд,
33 Ва тозиёна зананд, бикушанд; ва дар рӯзи сеюм Ӯ зҳьё шавад»+.
34 Лекин онҳо чизе аз ин нафаҳмиданд; маънои ин суханон аз онҳо
пӯшида буд, ва онҳо ба ин гуфтаҳо сарфаҳм нарафтанд+.

## Шифо ёфтани кӯр дар наздикии Ериҳӯ.

35 •Вақте ки Ӯ ба Ериҳӯ наздик мешуд, кӯре дар канори роҳ
нишаста, садақа мепурсид;+
36 Ва чун шунид, ки аз пешаш мардум мегузаранд, пурсид: «Ин
чист?»
37 Ба вай гуфтанд, ки Исои Носирӣ меояд.
38 Дарҳол фарьёд карда, гуфт: «Эй Исо, Писари Довуд! Ба ман
марҳамат кун»+.
39 Онҳое ки дар пеш равона буданд, вайро ба хомӯш шуданводор
карданд; лекин вай боз ҳам бештар фарьёд мезад: «Эй Писари Довуд!
Ба ман марҳамат кун».
40 Исо истода, фармуд, ки вайро назди Ӯ биёранд. Ва ҳангоме ки
наздик омад, аз вай пурсид:

41 «Чӣ мехоҳӣ, ки барои ту бикунам?» Гуфт: «Худовандо! Мехоҳам
бино шавам».
42 Исо ба вай гуфт: «Бино шав! Имонат туро шифо бахшид»+.
43 Вай дарҳол бино гашт ва, Худоро ситоишкунон, аз ақиби ӯ
равона шуд. Ва тамоми мардум инро дида, Худоро ҳамду сано
хонданд.

## Имон овардани Заккай.

**19** 1 Ва Ӯ ба Ериҳӯ ворид шуда, аз он мегузашт+.
2 Ва инак, Заккай ном шахс, ки сардори боҷгирон ва
сарватдор буд,
3 Мехост Исоро бубинад, ки Ӯ кист, лекин ба сабаби бисьёрии
мардум натавонист, чунки қадаш паст буд.
4 Ва давида пеш гузашту болои дарахти анҷире баромад, то ки Ӯро
бубинад, чунки Ӯро лозим буд аз пеши он бигзарад.
5 Вақте ки Исо ба он ҷо расид, назар афканда, вайро дид ва гуфт:
«Эй Заккай! Зуд фурӯд ой, зеро ки имрӯз Маро лозим аст дар хонаат
бимонам».
6 Вай зуд фуромада, Ӯро бо хурсандӣ пазирой намуд.
7 Ва ҳама инро дида, шиквакунон гуфтанд, ки Ӯ дар ҳонаи шахси
гуноҳкор меҳмон шудааст+.
8 Аммо Заккай бархоста, ба Худованд гуфт: «Худовандо! Нисфи
дороии худро ман ба мискинон медиҳам, ва агар чизи касеро
ноинсофона гирифта бошам, чор баробар подош медиҳам»+.
9 Исо ба вай гуфт: «Имрӯз ба нн ҳона наҷот омадааст, чунки вай
низ Писари Иброҳим аст;+
10 Зеро ки Писари Одам омадааст, то ки гумшударо пайдо кунад ва
наҷот днҳад».

## Масал дар бораи даҳ минои амонатӣ.

11 •Вақте ки онҳо инро гӯш мекарданд, Ӯ боз масале илова намуд:
зеро ки Ӯ дар наздикии Ерусалим буд, ва онҳо гумон мекарданд, ки
ба зудӣ бояд Малакути Худо ба зуҳур ояд+.
12 Бинобар ин Ӯ гуфт: «Шахсе аз ашроф ба кишвари дурдаст
мерафт, то ки салтанате ба даст оварда, баргардад;
13 Ва даҳ нафар ғуломонашро даъват намуда, ба онҳо даҳ мино*
дод ва ба онҳо гуфт: „Бо ин пул то вақти гашта омаданам доду
муомила кунед“.
14 Аммо аҳли шаҳраш ба вай адоват доштанд ва аз ақиби вай элчӣ
фиристоданд, то бигӯяд: „Намехоҳем, ки вай бар мо подшоҳӣ
кунад“+.

15 Ва ҳангоме ки вай салтанатро ба даст оварда, баргашт, фармуд,
ки ҳамон ғуломонро, ки ба онҳо пул дода буд, ҷеғ зананд, то фаҳмад,
ки ҳар яке чӣ қадар фоида кардааст.
16 Якумин омада, гуфт: „Эй оға! Як минои ту даҳ мино фоида
овард“.
17 Ба ӯ гуфт: „Офарин, эй ғуломи нек! Азбаски ба чизи андак
мӯътамад будӣ, бар даҳ шаҳр ҳоким шав“+.
18 Дуюмин омада, гуфт: „Эй оға! Як минои ту панҷ мино фоида
овард“.
19 Ба ӯ низ гуфт: „Ту ҳам бар панҷ шаҳр ҳоким шав“.
20 Сеюмин омада, гуфт: „Эй оға! Инак як минои ту, ки онро ба
рӯймоле печонда, нигоҳ доштам;
21 Зеро ки ман аз ту тарсидам, чунки шахси сахтгир ҳастӣ: он чи
нагузоштаӣ, мегирӣ, ва он чи накоштаӣ, медаравӣ“.
22 Ба ӯ гуфт: „Туро аз забони худат маҳкум мекунам, эй ғуломи
шарир! Ту медонистӣ, ки ман шахси сахтгир ҳастам, он чи
нагузоштаам, мегирам, ва он чи накоштаам, медаравам;+
23 Пас чаро пули маро ба саррофон надодӣ, то ки ман омада, онро
бо фоидааш бигирам?“
24 Ва ба ҳозирон фармуд: „Он миноро аз ӯ гирифта, ба он ки даҳ
мино дорад, бидиҳед“.
25 Ба ӯ гуфтанд: „Эй оға! Вай даҳ мино дорад“.
26 „Ба шумо мегӯям, ки ҳар кӣ дорад, ба вай дода шавад; ва ҳар кӣ
надорад, аз вай он чи низ дорад, гирифта шавад;+
27 Лекин он душманони маро, ки намехостанд бар онҳо подшоҳӣ
кунам, ба ин ҷо оварда, пеши ман ба қатл расонед“»+.

## Ба Ерусалим бо тантана ворид шудани Исо.

28 •Ин суханонро гуфта, Ӯ боз ба роҳ даромад ва сӯи Ерусалим
равона шуд.
29 Ва чун ба Байт-Фоҷӣ ва Байт-Ҳинӣ, ки бар кӯҳи Зайтун аст,
наздик омад, ду шогирди Худро фиристода,+
30 Ба онҳо гуфт: «Ба он деҳа, ки рӯ ба рӯи мост, биравед; ҳамин ки
вориди он шудед, харкурраеро баста меёбед, ки ҳанӯз касе бар он
савор нашудааст; онро воз карда, биёред;

31 Ва агар касе аз шумо пурсад: „Чаро воз мекунед?“ — ба вай
бигӯед: „Худованд ба он зҳтиёч дорад“».
32 Фиристодагон рафта, чунон ки Ӯ ба онҳо гуфта буд, ёфтанд.
33 Вақте ки онҳо курраро воз мекарданд, соҳибонаш ба онҳо
гуфтанд: «Чаро курраро воз мекунед?»
34 Гуфтанд: «Худованд ба он эҳтиёҷ дорад».
35 Ва онро назди Исо оварданд; ва ҷомаҳои худро бар курра
афканда, Исоро ба он савор карданд.
36 Ва ҳангоме ки Ӯ мерафт, ҷомаҳои худро бар роҳ мегустурданд+.
37 Вақте ки Ӯ ба фуромадгоҳи кӯҳи Зайтун наздик шуд, тамоми
тӯдаи шогирдонаш шоднкунон бо овози баланд Худоро барои ҳамаи
мӯъҷизаҳое ки дида буданд, ҳамду сано карда,
38 Мегуфтанд:
«Муборак аст Подшоҳе ки ба исми Худованд меояд!
Осоиштагӣ дар осмон ва ҷалол дар арши аъло бод!»+
39 Баъзе фарисиён аз миёни мардум ба Ӯ гуфтанд: «Эй Устод!
Шогирдони Худро манъ кун»+.
40 Дар ҷавоб гуфт: «Ба шумо мегӯям, ки агар онҳо хомӯш монанд,
сангҳо нидо хоҳанд кард»+.

## Маҳзунии Исо дар бораи Ерусалим.

41 Ва ҳангоме ки Ӯ ба шаҳр наздик омад, ба он назар андохта, ба
ҳоли он гирьён шуд+
42 Ва гуфт: «Оҳ, кошки ту низ ақаллан дар ҳамин рӯзи худ
медонистӣ, ки кадом чизҳо сӯи осоиштагии ту мебарад! Аммо ин
ҳоло аз чашмони ту ниҳон аст;+
43 Зеро рӯзҳое ба сарат меояд, ки душманонат ба муқобили ту
сангарҳо хоҳанд сохт ва туро иҳота намуда, аз ҳар тараф ба танг
хоҳанд овард,+
44 Ва туро, ва фарзандонатро дар дохили ту, ба хок яксон хоҳанд
кард, ва дар ту санге бар санге нахоҳанд гузошт, аз барои он ки ту
вақти тафаққуди худро надонистӣ»+.

## Исо бори дуюм маъбадро пок мекунад.

45 •Ва ба маъбад даромада, ба пеш кардани онҳое ки дар он
харидуфурӯш мекарданд, оғоз намуд,

46 Ва ба онҳо гуфт: «Навишта шудааст, ки „хонаи Ман хонаи ибодат
аст“, аммо шумо онро ба дуздхона мубаддал кардаед»+.
47 Ва ҳар рӯз дар маъбад таълим медод. Аммо саркоҳинон ва
китобдонон ва пирони қавм қасд доштанд, ки Ӯро нобуд кунанд,
48 Вале илоҷи ин корро ёфта наметавонистанд, зеро ки тамоми
мардум пайваста ба суханони Ӯ гӯш медоданд.

## Масъалаи қудрати Исо.

**20** 1 •Дар яке аз рӯзҳое ки Ӯ мардумро дар маъбад таълим ва
башорат медод, саркоҳинон ва китобдонон бо пирон омада,
2 Ба Ӯ гуфтанд: «Ба мо бигӯй, ки бо кадом қудрат Ту ин корҳоро
мекунӣ, ё кист, ки ин қудратро ба Ту додааст?»+
3 Дар ҷавоби онҳо гуфт: «Ман ҳам аз шумо чизе мепурсам, ва ба
Ман бигӯед:
4 Таъмиди Яҳьё аз осмон буд ё аз инсон?»+
5 Онҳо дар дили худ андеша карда, мегуфтанд: «Агар гӯем, ки „аз
осмон буд“, Ӯ бигӯяд: „Пас чаро ба вай имон наовардед?“+
6 Ва агар гӯем, ки „аз инсон буд“, тамоми қавм моро сангсор
хоҳанд кард, зеро яқин доранд, ки Яҳьё набӣ буд»+.
7 Ва дар ҷавоб гуфтанд: «Намедонем аз куҷо буд».
8 Исо ба онҳо гуфт: «Ман ҳам ба шумо намегӯям, ки бо кадом
қудрат ин корҳоро мекунам».

## Масал дар бораи токдорони бадкор.

9 •Ва ба мардум чунин масалеро гуфт: «Шахсе токзоре шинонд, ва
онро ба токдорон супурда, муддати дуру дарозе сафар кард;+
10 Ва чун мавсим расид, хизматгореро назди токдорон фиристод,
то ки аз меваи токзор ба вай бидиҳанд; лекин токдорон вайро зада,
тиҳидаст равона карданд.
11 Ва ӯ хизматгори дигарро фиристод; вале онҳо вайро низ зада ва
дашном дода, тиҳидаст фиристоданд.
12 Ва ӯ боз сеюмашро фиристод; аммо вайро низ ярадор карда,
бадар ронданд+.
13 Он гоҳ соҳиби токзор гуфт: „Чӣ кунам? Писари маҳбуби худро
мефиристам; шояд, ӯро дида, шарм кунанд“+.
14 Лекин токдорон чун ӯро диданд, бо ҳамдигар маслиҳат карда,
гуфтанд: „Ин ворис аст; биёед, вайро бикушем, то ки мерос аз они мо
шавад“+.
15 Ва ӯро аз токзор бароварда, куштанд. Пас, соҳиби токзор ба онҳо
чӣ хоҳад кард+?

16 Вай омада, он токдоронро ба марг маҳкум хоҳад кард ва
токзорро ба дигарон хоҳад супурд». Онҳое ки ин суханонро
шуниданд, гуфтанд: «Ҳошо ва калло!»+
17 Аммо Ӯ ба онҳо назар андохта, гуфт: «Маънои ин суханоне ки
навишта шудааст, чист:
„Санге ки меъморон рад карданд,
санги сари гӯшаи бино гардид“+?
18 Ҳар кӣ бар он санг афтад, пора-пора шавад; ва агар он бар касе
афтад, вайро маҷақ кунад»+.

## Масъалаи хироҷ.

19 •Саркоҳинон ва китобдонон қасд доштанд, ки дар ҳамон дам
Ӯро дастгир кунанд, лекин аз мардум тарсиданд, зеро донистанд, ки
ин масалро Ӯ дар ҳаққи онҳо гуфта буд.
20 Ва Ӯро дар зери назорат гирифта, айёронро фиристоданд, то ки
онҳо худро одил нишон дода, Ӯро аз суханаш афтонанд ва ба қудрат
ва ихтиёри ҳоким таслим кунанд+.
21 Ва онҳо ба Ӯ савол дода, гуфтанд: «Эй Устод! Медонем, ки Ту
ҳаққи гапро мегӯӣ ва меомӯзӣ, ва рӯбинӣ намекунӣ, балки тариқи
Худоро ба ростӣ таълим медиҳӣ;
22 Оё ба қайсар ҷизья додани мо ҷоиз аст, ё не?»+
23 Вале Ӯ макри онҳоро дарьёфта, ба онҳо гуфт: «Чаро Маро
меозмоед+?
24 Диноре ба Ман нишон диҳед: сурат ва рақами рӯи он аз они
кист?» Дар ҷавоб гуфтанд: «Аз они қайсар».
25 Ба онҳо гуфт: «Пас, он чи аз они қайсар аст, ба қайсар диҳед, ва
он чи аз они Худост — ба Худо»+.
26 Ва Ӯро пеши мардум аз суханаш афтонда натавонистанд ва аз
ҷавоби Ӯ дар ҳайрат афтода, хомӯш монданд.

## Исо ба саддуқиён дар бораи эҳьё сухан меронад.

27 •Ва баъзе аз саддуқиён, ки мункири қиёмат ҳастанд, назди Ӯ
омада, пурсиданд:+
28 «Эй Устод! Мусо ба мо навиштааст, ки агар бародари касе
бимирад ва зандор буда, фарзанде надошта бошад, бояд бародараш

зани вайро ба никоҳи худ даровարад ва барои бародари худ насле ба
вуҷуд оварад+.
[29] Ва инак, ҳафт бародар буданд: якумин зан гирифт ва фарзанде
ба дуньё наоварда, мурд;
[30] Ва он занро дуюмин гирифт, вале ӯ низ фарзанде ба дуньё
наоварда, мурд;
[31] Баъд вайро сеюмин гирифт, ва ҳамин тавр то ҳафтумин, ва ҳама
фарзанде нагузошта, мурданд;
[32] Баъд аз ҳама зан низ мурд.
[33] Пас, дар эҳьёи мурдагон вай зани кадоми онҳо мешавад? Зеро
ки хар ҳафт вайро ба занӣ гирифта буданд».
[34] Исо дар ҷавоби онҳо гуфт: «Фарзандони ин дуньё зан мегиранд
ва ба шавҳар мераванд;
[35] Лекин онҳое ки сазовори расидан ба он дуньё ва ба эҳьёи
мурдагон бишаванд, на зан мегиранд ва на ба шавҳар мераванд,+
[36] Ва дигар бор наметавонанд бимиранд, зеро ки онҳо ба
фариштагон баробаранд, ва азбаски писарони қиёмат ҳастанд, онҳо
писарони Худо мебошанд.
[37] Ин ки мурдагон эҳьё мешаванд, инро Мусо низ дар ҳикояти
бутта нишон дода, Худовандро Худои Иброҳим ва Худои Исҳоқ ва
Худои Яъқуб хондааст+.
[38] Ва Ӯ на Худои мурдагон, балки Худои зиндагон аст, зеро ки
пеши Ӯ ҳама зинда ҳастанд».

## Исо дар бораи китобдонон.

[39] Баъзе аз китобдонон инро шунида, гуфтанд: «Эй Устод! Нағз
сухан рондӣ».
[40] Ва дигар онҳо ҷуръат надоштанд, ки аз Ӯ чизе бипурсанд. Ва Ӯ
ба онҳо гуфт:+

[41] •«Чӣ сон мегӯянд, ки Масеҳ Писари Довуд аст+?
[42] Ва ҳол он ки худи Довуд дар китоби Забур мегӯяд:
„Худованд ба Худованди ман гуфт:
ба ямини Ман бинишин,+
[43] То душманони Туро зери пои Ту андозам“.

[44] Инак, Довуд Ӯро Худованд мехонад; пас чӣ сон Ӯ писари вай
будааст?»
[45] Ва дар сурате ки тамоми мардум гӯш мекарданд, Ӯ ба
шогирдони Худ гуфт:
[46] «Аз китобдонон ҳазар кунед, ки дӯст медоранд ҷомаҳои дароз
пӯшида гарданд, ва меписанданд дар бозорҳо табрик шунаванд, ва
дар курсиҳои аввали куништҳо ҷой гиранд ва дар зиёфатҳо
болонишин шаванд;+
[47] Онҳо, ки ҳонаҳои бевазанонро фурӯ мебаранд ва барои намуд
дуоро тӯл медиҳанд, аз ҳама сахттар маҳкум ҳоҳанд шуд».

## Фулуси бевазан.

21 1 •Ва Ӯ назар андохта, сарватдоронро дид, ки ҳадияҳои худро
ба ганҷина меандохтанд;+
2 Ва ҳамчунин бевазани камбағалеро дид, ки ду фулус дар он
андохт,
3 Ва Ӯ гуфт: «Ба ростӣ ба шумо мегӯям, ки ин бевазани камбағал аз
ҳама бештар андохт;
4 Зеро ки ҳамаи онҳо аз зиёдатии худ ҳадия барои Худо
андохтанд, лекин вай аз камбағалии худ тамоми нафақаеро, ки дошт,
андохт»+.

## Бар кӯҳи Зайтун.

5 •Вақте ки баъзе касон дар бораи маъбад сухан ронда, гуфтанд,
ки он бо сангҳо ва инъомҳои гаронбаҳо зебу оро дода шудааст, Ӯ
гуфт:
6 «Айёме меояд, ки аз он чи дар ин ҷо мебинед, санге бар санге
наҳоҳад монд; ҳамааш хароб хоҳад шуд»+.
7 Аз Ӯ пурсиданд: «Эй Устод! Ин кай воқеъ мешавад? Ва аломати
ба вуқӯъ омадани ин чӣ гуна аст?»
8 Гуфт: «Ҳушьёр бошед, ки шуморо дар иштибоҳ наандозанд; зеро
бисьёр касон бо номи Ман омада, гӯянд, ки ин Ман ҳастам; ва он вақт
наздик аст. Аз ақиби онҳо наравед+.
9 Ва чун овозаи ҷангҳо ва ошӯбҳоро бишнавед, натарсед: зеро ин
бояд аввал воқеъ шавад; лекин дарҳол интиҳо намеёбад».
10 Он гоҳ ба онҳо гуфт: «Қавме бар зидди қавме ва салтанате бар
зидди салтанате қиём хоҳад кард;+
11 Ва дар ҳар ҷо зилзилаҳои азим, ва қаҳтию вабоҳо, ва ҳодисоти
пурдаҳшат ва аломоти бузург аз осмон ба амал хоҳад омад+.
12 Аммо пеш аз ҳамаи ин ба шумо дасти тааддӣ дароз хоҳанд кард
ва шуморо таъқиб намуда, ба куништҳо ва зиндонҳо ҳоҳанд супурд
ва ба хотири исми Ман назди подшоҳону ҳокимон хоҳанд бурд;+
13 Ва ин ба шумо барои шаҳодат хоҳад буд.
14 Пас, дар дили худ аҳд кунед, ки пешакӣ андеша накунед, чӣ
ҷавоб бояд бидиҳед.

15 Зеро ки Ман ба шумо забоне ва ҳикмате хоҳам дод, ки ҳамаи
душманони шумо натавонанд на зиддияте ба он нишон диҳанд ва на
ба муқобили он чизе бигӯянд+.
16 Ва шуморо падару модарон, ва бародарон, ва хешовандон, ва
дӯстон таслим хоҳанд кард. Ва баъзеи шуморо ба қатл хоҳанд расонд;
17 Ва ҳама аз барои исми Ман ба шумо адоват хоҳанд дошт.
18 Лекин мӯе аз сари шумо талаф нахоҳад шуд+.
19 Ҷонҳои худро бо сабри худ наҷот хоҳед дод.

## Дар бораи хароб шудани Ерусалим.

20 •Ҳар гоҳ бубинед, ки аскарон Ерусалимро иҳота кардаанд,
бидонед, ки харобии он наздик шудааст;
21 Он гоҳ онҳое ки дар Яҳудо мебошанд, ба кӯҳистон гурезанд; ва
ҳар кӣ дар шаҳр аст, аз он барояд; ва ҳар кӣ дар гирду атроф аст, ба он
надарояд,
22 Чунки ин айёми интиқом аст, то ба амал ояд ҳар он чи навишта
шудааст.
23 Вой бар ҳоли ҳомиладорон ва ширдорон дар он айём; зеро ки
мусибати бузурге бар замин рӯй дода, ин қавм гирифтори ғазаб
хоҳанд шуд:+
24 Ва ба дами шамшер хоҳанд афтод, ва дар миёни ҳамаи халқҳо ба
асирӣ хоҳанд рафт; ва Ерусалим поймоли ғайрияҳудиён хоҳад шуд,
то даме ки даврони ғайрияҳудиён ба анҷом расад+.

## Дар бораи бо ҷалол омадани Худованд.

25 •Ва дар офтоб ва моҳ ва ситорагон аломатҳо зуҳур хоҳад ёфт, ва
бар замин халқҳо ба ноумедӣ афтода, аз хурӯши баҳр ва ғалаёни
мавҷҳо моту мабҳут хоҳанд шуд;
26 Ва одамон аз тарсу ҳарос ва интизории он мусибатҳое ки ба
сари ҷаҳон меояд, аз ҳол хоҳанд рафт, зеро ки кувваҳои афлок
мутазалзил хоҳанд шуд.
27 Ва он гоҳ Писари Одамро хоҳанд дид, ки бо қудрат ва ҷалоли
азим бар абре меояд+.
28 Вақте ки ба амал омадани ин чизҳо оғоз шавад, бархоста, сарҳои
худро баланд кунед, чунки халосии шумо наздик меояд».

[29] •Ва ба онҳо масале гуфт: «Ба дарахти анҷир ва ба ҳамаи
дарахтон нигоҳ кунед:
[30] Вақте ки шукуфтани онҳоро мебинед, медонед, ки тобистон
наздик аст;
[31] Ҳамчунин, вақте ки шумо ба амал омадани ин чизҳоро мебинед,
бидонед, ки Малакути Худо наздик аст.
[32] Ба ростӣ ба шумо мегӯям: ин насл ҳанӯз аз олам нагузашта,
ҳамаи ин чизҳо воқеъ хоҳад шуд;+
[33] Осмон ва замин гузарон аст, лекин каломи Ман гузарон нест+.
[34] Пас, бохабар бошед аз худатон, ки мабодо дилҳои шумо аз
пурхӯрӣ ва мастӣ ва ғамхӯриҳон зиндагӣ сахт шавад, ва он рӯз бар
шумо ногаҳон ояд;+
[35] Зеро ки он, монанди доме, бар ҳамаи сокинони тамоми рӯи
замин хоҳад омад;
[36] Пас, ҳама вақт бедор бошед ва дуо гӯед, то ки сазовор бошед аз
ҳамаи ин мусибатҳои оянда раҳо шавед ва дар пеши Писари Одам
биистед»+.
[37] Рӯзҳо Ӯ дар маъбад таълим медод; ва шабҳо берун омада, дар
кӯҳе ки кӯҳи Зайтун ном дорад, шабгузаронӣ мекард+.
[38] Ва тамоми мардум бомдодон назди Ӯ ба маъбад барои
шунидани суханонаш меомаданд.

## Яҳудо Исоро таслим мекунад.

22 [1] •Иди фатир, ки фисҳ номида мешавад, наздик буд;+
[2] Саркоҳинон ва китобдонон дар тараддуди он буданд, ки чӣ
сон Ӯро ба қатл расонанд, чунки аз мардум метарсиданд.
[3] Ва ба дили Яҳудо, ки лақаби Исқарьютро дошт ва аз ҷумлаи он
дувоздаҳ буд, шайтон даромад+.
[4] Пас вай рафта, бо саркоҳинон ва сардорон гуфтугӯ кард, ки чӣ
сон Ӯро ба онҳо таслим кунад.
[5] Онҳо шод гаштанд ва ба вай пул доданӣ шуданд.
[6] Вай ваъда кард, ва фурсат меҷуст, то ки Ӯро дур аз чашми
мардум ба онҳо таслим кунад+.

## Омода кардани фисҳ.

[7] •Ва рӯзи иди фатир, ки барраи фисҳро қурбонӣ кардан лозим
буд, фаро расид+.
[8] Ва Ӯ Петрус ва Юҳанноро фиристода, гуфт: «Биравед ва фисҳро
барои хӯрдани мо тайёр кунед».
[9] Ба Ӯ гуфтанд: «Дар куҷо мехоҳӣ, ки тайёр кунем?»
[10] Ба онҳо гуфт: «Инак, вақте ки ба шаҳр медароед, марде ба шумо
рӯ ба рӯ хоҳад шуд, ки кӯзаи обро бардошта мебарад; аз ақибаш
равона шавед то ба хонае ки вай медарояд,
[11] Ва ба соҳиби хона бигӯед: „Устод ба ту мегӯяд: меҳмонхона
куҷост, ки он ҷо фисҳро бо шогирдони Худ бихӯрам?“
[12] Вай ба шумо болохонаи калони мафрушеро нишон медиҳад; дар
он ҷо тайёр кунед».
[13] Онҳо равона шуданд ва, чунон ки Ӯ гуфта буд, ёфтанд, ва фисҳро
омода карданд.

## Фисҳ.

[14] •Ва ҳангоме ки соат расид, Ӯ назди суфра нишаст, ва дувоздаҳ
ҳавворийён бо Ӯ буданд.
[15] Ба онҳо гуфт: «Хеле иштиёқманд будам, ки пеш аз уқубати Худ
ин фисҳро бо шумо бихӯрам;

[16] Зеро ба шумо мегӯям, ки аз он дигар нахоҳам хӯрд, то вақте ки
дар Малакути Худо ба амал ояд»+.
[17] Ва косаро гирифта, шукргузорӣ намуд ва гуфт: «Инро бигиред ва
дар миёни худ тақсим кунед;
[18] Зеро ба шумо мегӯям, ки дигар аз шираи ангур нахоҳам нӯшид,
то вақте ки Малакути Худо биёяд».

## Муқаррар кардани Таоми шоми Худованд.

[19] Ва нонро гирифта, шукргузорӣ намуд ва пора карда, ба онҳо
доду гуфт: «Ин Бадани Ман аст, ки барои шумо таслим карда
мешавад; инро барои хотираи Ман ба ҷо оваред»+.
[20] Ҳамчунин косаро баъд аз таоми шом гирифта, гуфт: «Ин коса
аҳди ҷадид аст дар Хуни Ман, ки барои шумо рехта мешавад+.

## Исо дар бораи таслимкунанда сухан меронад.

21 Ва инак, дасти таслимкунандаи Ман бо Ман дар сари суфра аст+.
22 Агарчи Писари Одам ончунон, ки пешакӣ муқаррар шудааст,
меравад, лекин вой бар ҳоли он кас, ки ба воситаи вай Ӯ таслим
карда шавад»+.
23 Ва онҳо аз якдигар пурсидан гирифтанд, ки кадоме аз онҳо ин
корро мекарда бошад?

## Баҳсу мунозира дар бораи бартарии шогирдон.

24 •Дар миёни онҳо инчунин баҳсу мунозира шуд, ки кадоме аз
онҳо бояд бузургтар ҳисоб ёбад.
25 Вале Ӯ ба онҳо гуфт: «Подшоҳони халқҳо бар онҳо ҳукмронӣ
мекунанд, ва ҳокимони онҳо валинеъмат хонда мешаванд;
26 Аммо шумо ин тавр не: балки он ки дар байни шумо бузургтар
аст, бояд монанди хурдтарин бошад, ва сардор — монанди
хизматгузор+.
27 Зеро кадоме бузургтар аст: он ки назди суфра менишинад, ё он
ки хизматгузор аст? Оё на он аст, ки назди суфра менишинад? Аммо
Ман дар миёни шумо монанди хизматгузор ҳастам+.

## Ҷои ҳаввориён дар малакути оянда.

28 Ва шумо касоне ҳастед, ки дар озмоишҳои Ман бо Ман будед,+
29 Ва Ман ба шумо Малакуте месупорам, чунон ки Падарам ба Ман
супурдааст,+
30 То ки шумо дар Малакути Ман дар сари суфраи Ман бихӯред ва
бинӯшед, ва шумо бар тахтҳо нишаста, бар дувоздаҳ сибти Исроил
доварӣ хоҳед кард»+.

## Исо дар бораи инкори Петрус сухан меронад.

31 •Ва Худованд гуфт: «Шимъӯн! Шимъӯн! Инак, шайтон талабгори
он буд, ки шуморо мисли гандуме аз ғарбел гузаронад;+
32 Аммо Ман барои ту дуо гуфтам, то ки имонат таназзул накунад;
ва ту як вақте, руҷӯъ намуда, бародарони худро устувор гардон»+.
33 Вай ба Ӯ гуфт: «Худовандо! Ман тайёр ҳастам, ки бо Ту ҳам ба
зиндон ва ҳам ба мамот биравам»+.

34 Лекин Ӯ гуфт: «Ба ту, эй Петрус, мегӯям, ки имрӯз, пеш аз он ки
хурӯс бонг занад, ту се бор инкоркунон ҳоҳӣ гуфт, ки Маро
намешиносӣ».

## Исо ба шогирдон дар бораи имтиҳонҳое ки Ӯро дар пеш аст, сухан меронад.

35 Ва ба онҳо гуфт: «Вақте ки Ман шуморо бе ҳамьён, бе тӯрба ва бе
пойафзол фиристодам, оё ба чизе эҳтиёҷ доштед?» Гуфтанд: «Ба ҳеҷ
чиз»+.
36 Ва Ӯ ба онҳо гуфт: «Лекин акнун касе ки ҳамьён дорад, онро
бигирад; ҳамчунин тӯрбаро; ва касе ки шамшер надорад, ҷомаи
худро фурӯхта, бихарад.
37 Зеро ба шумо мегӯям, ки ин сухани Навиштаҳо низ бояд дар
ҳаққи Ман ба амал ояд: „з ҷинояткорон шумурда шуд“. Зеро ҳар чи
дар бораи Ман аст, интиҳо меёбад»+.
38 Ва онҳо гуфтанд: «Худовандо! Инак, дар ин ҷо дуто шамшер
ҳаст». Ба онҳо гуфт: «Кифоя аст».

## Исо дар боғи Ҷатсамонӣ.

39 •Ва берун омада, аз рӯи одат, ба кӯҳи Зайтун рафт; шогирдон
низ аз ақиби Ӯ рафтанд.
40 Вақте ки ба он мавзеъ расид, ба онҳо гуфт: «Дуо гӯед, то ба
озмоиш дучор нашавед»+.
41 Ва Худаш ба масофаи андохтани санге аз онҳо дур шуда, зону
зад ва дуо карда, гуфт:
42 «Эй Падар! Агар бихоҳӣ, ин косаро аз Ман бигзарон; лекин на
иродаи Ман, балки иродаи Ту бигзор ба амал ояд»+.
43 Ва фариштае аз осмон бар Ӯ зоҳир гардида, Ӯро тақвият медод+.
44 Ва Ӯ дар изтироб афтода, бо ҷаҳди бештаре дуо мегуфт; ва арақи
Ӯ мисли қатраҳои хун буд, ки бар замин мечакид.
45 Баъд аз дуо барҳоста, Ӯ назди шогирдон омад, ва онҳоро дид, ки
аз ғусса хоб рафтаанд.
46 Ва ба онҳо гуфт: «Чаро ҳоб рафтаед? Барҳоста, дуо гӯед, то ки ба
озмоиш дучор нашавед».

## Ҳабс шудани Исо.

47 •Ҳанӯз ки Ӯ сухан мегуфт, инак мардуми бисьёре пайдо
шуданд, ва пешопеши онҳо яке аз он дувоздаҳ, ки Яхудо ном дошт,
равона буд, ва назди Исо омад, то ки Ӯро бибӯсад. Зеро ки ишорате ба
онҳо дода, гуфта буд: «Ҳар киро бибӯсам, Ҳамон аст»+.
48 Ва Исо ба вай гуфт: «Эй Яҳудо! Оё Писари Одамро бо бӯса таслим
мекунӣ?»
49 Касоне ки бо Ӯ буданд, чун диданд, ки кор ба чӣ меанҷомад, ба Ӯ
гуфтанд: «Худовандо! Оё ба шамшер бизанем?»+
50 Ва яке аз онҳо ғуломи саркоҳинро зада, гӯши рости вайро
бурида партофт.
51 Исо дар ҷавоб гуфт: «Даст кашед, бас аст». Ва гӯши вайро ламс
карда, шифо дод.
52 Ва Исо ба саркоҳинон ва сардорони маъбад ва пироне ки бар
зидди Ӯ ҷамъ омада буданд, гуфт: «Гӯё бар зидди роҳзане шумо бо
шамшеру таёқҳо берун омадаед, то Маро дастгир кунед!
53 Ҳар рӯз Ман назди шумо дар маъбад будам, ва шумо ба Ман
дасти таҷовуз дароз накардед; аммо ҳоло соати шумост, ки зулмот
ҳукмфармост»+.
54 •Ва Ӯро дастгир карда бурданд, ва ба хонаи саркоҳин оварданд.
Ва Петрус аз дур аз паи онҳо равона шуд.

## Дар доварии саркоҳинон. Инкори Петрус.

55 Вақте ки онҳо дар рӯи ҳавлӣ оташ даргиронда, даври он якҷоя
нишастанд, Петрус низ дар миёни онҳо нишаст.
56 Ва канизе вайро назди оташ нишаста дид ва синчакунон ба вай
нигоҳ карда, гуфт: «Ин ҳам бо Ӯ буд».
57 Лекин вай инкор карда, ба зан гуфт: «Ман Ӯро намешиносам».
58 Пас аз муддате як одами дигар вайро дида, гуфт: «Ту ҳам яке аз
онҳо ҳастӣ». Аммо Петрус ба он одам гуфт: «Ман аз онҳо нестам».
59 Тахминан як соат гузаштан баъд, боз як каси дигар боисрор
гуфт: «Дар ҳақиқат ин ҳам бо Ӯ буд, зеро ки вай ҷалилист».
60 Аммо Петрус ба он кас гуфт: «Намедонам, ки ту чӣ мегӯӣ». Ва
ҳанӯз вай сухан меронд, ки дарҳол хурӯс бонг зад.

61 Ва Худованд рӯй гардонда, ба Петрус назар андохт; ва Петрус
сухани Худовандро ба ёд овард, ки ба вай гуфта буд: «Имрӯз, пеш аз
он ки хурӯс бонг занад, Маро се бор инкор хоҳӣ кард»+.
62 Ва берун рафта, зор-зор гирист.

## Исо аз шарирон таҳқирҳоро қабул мекунад.

63 •Касоне ки Исоро дастгир карда буданд, Ӯро тамасхур
мекарданд ва мезаданд;+
64 Ва рӯи Ӯро пӯшида, торсакӣ мезаданд ва аз Ӯ мепурсиданд:
«Нубувват кун, ки Туро кӣ задааст?»
65 Ва боз бисьёр ҳақоратҳои дигар дар ҳаққи Ӯ ба забон меронданд.

## Исо ба ҳузури шӯрои пирон.

66 •Ҳамин ки чашми рӯз кушода шуд, пирони қавм, саркоҳинон ва
китобдонон ҷамъ омада, Ӯро ба шӯрои худ даровarданд,
67 Ва гуфтанд: «Оё Ту Масеҳ ҳастӣ? Ба мо бигӯй». Ба онҳо гуфт:
«Агар ба шумо гӯям, бовар намекунед;
68 Ва агар ба шумо савол диҳам, ҷавоб намегардонед ва Маро озод
намекунед;
69 Минбаъд Писари Одам ба ямини қуввати Худо хоҳад нишаст»+.
70 Ва ҳама гуфтанд: «Пас, Ту Писари Худо ҳастӣ?» Ба онҳо гуфт:
«Шумо мегӯед, ки Ман ҳастам».
71 Ва онҳо гуфтанд: «Дигар ба мо чӣ шаҳодате лозим аст? Зеро ки
худамон аз забони Ӯ шунидем!»+

## Исо ба ҳузури Пилотус.

23 [1] •Ва тамоми аҳли маҷлисашон бархоста, Ӯро назди Пилотус
бурданд+.
[2] Ва ба айбдор кардани Ӯ шурӯъ намуда, гуфтанд: «Мо ёфтаем, ки
Ӯ қавми моро фосид мекунад, ба қайсар ҷизья додан намемонад ва
Худро Подшоҳ Масеҳ меномад»+.
[3] Пилотус аз Ӯ пурсид: «Оё Ту Подшоҳи Яҳудиён ҳастӣ?» Ӯ ҷавоб
дода, гуфт: «Ту мегӯӣ»+.
[4] Пилотус ба саркоҳинон ва ба мардум гуфт: «Дар Ин Одам ҳеҷ
айбе намеёбам»+.
[5] Лекин онҳо исрор намуда, мегуфтанд, ки Ӯ қавмро ба ошӯб
меоварад ва дар тамоми Яҳудо, аз Ҷалил гирифта то ин ҷо, таълим
медиҳад.

## Исо дар тергави Ҳиродус.

[6] Вақте ки Пилотус инро шунид, савол дод: «Магар Ӯ ҷалилист?»
[7] Ва чун донист, ки Ӯ аз вилояти Ҳиродус аст, Ӯро назди Ҳиродус
равона кард, ки вай низ дар он рӯзҳо дар Ерусалим буд+.
[8] Ҳиродус Исоро дида, хеле хурсанд шуд, зеро ки кайҳо боз Ӯро
дидан мехост, чунки овозаи Ӯро шунида буд ва умед дошт, ки аз Ӯ
мӯъҷизе бубинад+.
[9] Ва ба Ӯ саволҳои бисьёре дод; аммо Ӯ ба вай ҳеҷ ҷавоб надод.
[10] Саркоҳинон ва китобдонон истода, бо тамоми ҷидду ҷаҳд Ӯро
айбдор мекарданд.
[11] Ва Ҳиродус бо сарбозони худ Ӯро басо таҳқир ва тамасхур карда
ва либоси дурахшоне бар Ӯ пӯшонда, назди Пилотус гардонда
фиристод.
[12] Дар ҳамон рӯз Пилотус ва Ҳиродус бо ҳамдигар дӯст шуданд,
зеро ки пештар онҳо ба якдигар адоват доштанд.

## Исо боз ба ҳузури Пилотус.

## Бараббос озод шуд, Исо маҳкум гардид.

13 •Пилотус саркоҳинон, сардорон ва мардумро хонда,
14 Ба онҳо гуфт: «Ин Одамро ҳамчун фосидкунандаи қавм назди
ман овардед; ва инак, ман дар пеши назари шумо тафтиш кардам ва
дар Ин Одам аз он айбҳое ки шумо ба гардани Ӯ мепартоед, чизе
наёфтам;
15 Ҳамчунин Ҳиродус наёфтааст: зеро ки ман Ӯро назди вай
фиристода будам, ва дар Ӯ ҳеҷ гуноҳи сазовори марг ёфт нашудааст;
16 Пас, Ӯро ҷазо дода, озод мекунам».
17 Ва вай лозим буд, ба муносибати ид, касеро барои онҳо озод
кунад.
18 Аммо мардум саросар фарьёд зада, гуфтанд: «Ӯро қатл кун!
Барои мо Бараббосро озод кун».
19 Бараббос барои исьён ва қатле ки дар шаҳр рӯй дода буд, дар
зиндон андохта шуда буд.
20 Боз Пилотус ба онҳо сухан ронд, зеро ки мехост Исоро озод
кунад.
21 Лекин онҳо фарьёд зада, гуфтанд: «Ӯро маслуб кун, маслуб
кун!»
22 Бори сеюм вай ба онҳо гуфт: «Ӯ чӣ бадӣ кардааст? Ҳеҷ гуноҳи
сазовори марг дар Ӯ наёфтам; пас, Ӯро ҷазо дода, озод мекунам».
23 Вале онҳо бо фарьёди баланд исрор намуда, талаб карданд, ки Ӯ
маслуб шавад; ва фарьёди онҳо ва саркоҳинон ғолиб омад.
24 Ва Пилотус қарор дод, ки аз рӯи талаби онҳо амал кунад,
25 Ва шахсеро, ки барои исьён ва қатл дар зиндон нишаста буд,
мувофиқи хоҳиши онҳо озод кард; ва Исоро ба ихтиёри онҳо супурд.

26 •Вақте ки Ӯро бурданд, Шимъӯн ном шахсеро, ки аз Қурин буд
ва аз саҳро меомад, даст гирифта, салибро бар китфаш гузоштанд, то
ки аз ақиби Исо бардошта барад.

## Исо маслуб шуд.

27 Ва шумораи азими мардум ва заноне ки барои Ӯ гирья ва навҳа
мекарданд, аз ақиби Ӯ равона шуданд.

28 Ва Исо ба онҳо рӯ оварда, гуфт: «Эй духтарони Ерусалим! Барои
Ман гирья накунед, балки барои худатон ва фарзандонатон гирья
кунед;
29 Зеро айёме меояд, ки хоҳанд гуфт: „Хушо нозоён, ва шикамҳое
ки назоидаанд, ва пистонҳое ки шир надодаанд!“+
30 Он вақт ба кӯҳҳо хоҳанд гуфт: „Бар мо биафтед!“ ва ба теппаҳо:
„Моро бипӯшонед!“+
31 Зеро, агар бо дарахти сарсабз чунин кунанд, бо дарахти хушк
чиҳо хоҳанд кард?»+
32 Ду ҷинояткорро низ бо Ӯ барои куштан мебурданд.
33 Ва чун ба ҷое ки Косахонаи сар ном дорад, расиданд, дар он ҷо
Ӯро, ва он ҷинояткоронро — яке аз дасти росташ ва дигаре аз дасти
чапаш — маслуб карданд.
34 Исо гуфт: «Эй Падар! Инҳоро биомурз, зеро ки намедонанд чӣ
мекунанд». Ва либоси Ӯро қуръа партофта, тақсим карданд+.
35 Ва мардум истода, тамошо мекарданд. Сардорон низ бо
якҷоягии онҳо масхаракунон мегуфтанд: «Дигаронро наҷот медод,
бигзор Худро наҷот диҳад, агар Ӯ Масеҳи баргузидаи Худо бошад»+.
36 Сарбозон низ Ӯро истеҳзо мекарданд ва наздик омада, ба Ӯ
сирко медоданд
37 Ва мегуфтанд: «Агар Ту Подшоҳи Яҳудиён бошӣ, Худро наҷот
деҳ».
38 Дар болои сари Ӯ ба забонҳои юнонӣ, румӣ ва ибронӣ чунин
лавҳае навишта овехта буданд: «Ин аст Подшоҳи Яҳудиён».

## Имон овардани роҳзан.

39 Ва яке аз ҷинояткорони маслубшуда Ӯро дашном дода, мегуфт:
«Агар Ту Масеҳ бошӣ, Худро ва моро наҷот деҳ».
40 Аммо дигаре, баръакс, вайро мазаммат намуда, гуфт: «Оё ту аз
Худо наметарсӣ, дар сурате ки худат низ ба ҳамин ҷазо маҳкум
шудаӣ?
41 Ҷазои мо аз рӯи инсоф аст, чунки мукофоти амали худро
гирифтаем; лекин Ӯ ҳеҷ бадӣ накардааст»+.
42 Ва ба Исо гуфт: «Эй Худованд, вақте ки ба Малакути Худ бирасӣ,
маро ба ёд овар!»

43 Ва Исо ба вай гуфт: «Ба ростӣ ба ту мегӯям, ки имрӯз бо Ман дар
биҳишт хоҳӣ буд».

44 •Тақрибан соати шашуми рӯз буд, ва тамоми заминро то соати
нӯҳум торикӣ фаро гирифт:+
45 Офтоб тира шуд, ва пардаи маъбад ду пора шуд+.

## Мамоти Исо.

46 Ва Исо бо овози баланд нидо карда, гуфт: «Эй Падар! Рӯҳи Худро
ба дасти Ту месупорам». Ва инро гуфта, ҷон дод+.
47 Мирисад ин ҳодисаро дида, Худоро ҳамду сано хонд ва гуфт:
«Ҳақиқатан Ин Одам Одил буд».
48 Ва тамоми мардуме ки барои ин тамошо ҷамъ омада буданд,
пас аз дидани ин моҷаро синазанон гашта рафтанд+.
49 Вале ҳамаи шиносҳои Ӯ ва заноне ки аз Ҷалил Ӯро пайравӣ
намуда омада буданд, аз дур истода, инро медиданд+.

## Дафни Исо.

50 •Ва инак, Юсуф ном шахс, узви шӯро, марди нек ва одил,
51 Ки бо қарор ва кори онҳо розӣ набуд, ва аз Ҳаромот ном шаҳри
Яҳудо буда, худаш низ интизори Малакути Худо буд,
52 Назди Пилотус омада, Ҷасади Исоро талаб кард;
53 Ва онро поён фуроварда, ба катон печонд ва ба қабре ниҳод, ки
аз санг тарошида шуда буд, ва то ҳол ҳеҷ кас дар он гузошта нашуда
буд+.
54 Он рӯз рӯзи ҷумъа буд ва шанбе фаро мерасид.
55 Ва заноне ки ҳамроҳи Исо аз Ҷалил омада буданд, аз дунболи
вай рафтанд ва қабрро, ва чӣ гуна дар он Ҷасади Ӯ гузошта шуд,
диданд;
56 Ва чун баргаштанд, ҳанут ва равғани атрафшон тайёр карданд;
ва рӯзи шанбе, мувофиқи ҳукми шариат, истироҳат карданд+.

## Эҳьёи Исои Масеҳ.

**24** 1 •Дар рӯзи якшанбе, субҳидам, ҳанутеро, ки тайёр карда
буданд, бо худ гирифта, ба сари қабр омаданд, ва баъзе занони
дигар ҳамроҳи онҳо буданд;
2 Вале диданд, ки санг аз сари қабр ғалтонда шудааст,
3 Ва чун дохил шуданд, Ҷасади Исои Худовандро наёфтанд.
4 Дар сурате ки аз ин ҳодиса дар ҳайрат буданд, баногоҳ дар
пешашон ду марди ҷомаҳои дурахшанда дар бар пайдо шуданд+.
5 Ва дар ҳолате ки ба ҳарос афтода, сарҳои худро ба зер афканда
буданд, он ду ба онҳо гуфтанд: «Чаро шумо зиндаро дар миёни
мурдагон ҷустуҷӯ мекунед?
6 Дар ин ҷо нест: Ӯ эҳьё шуд; ба ёд оваред, ки чӣ гуна Ӯ, ҳангоме ки
дар Ҷалил буд, ба шумо сухан ронда,
7 Гуфта буд, ки Писари Одам бояд ба дасти одамони гуноҳкор
таслим карда шавад, ва маслуб гардад, ва дар рӯзи сеюм эҳьё
шавад»+.
8 Ва онҳо суханони Ӯро ба ёд оварданд+
9 Ва аз сари қабр баргашта, ҳамаи инро ба он ёздаҳ ва ба ҳамаи
дигарон нақл карданд.
10 Инҳо Марьями Маҷдалия, ва Юҳона, ва Марьям, модари Яъқуб,
ва бо онҳо занони дигар буданд, ки ба ҳавворийён ин чизҳоро
гуфтанд+.
11 Вале ин суханон ба назарашон чун сафсатае намуд, ва ба гапи
онҳо бовар накарданд+.
12 Аммо Петрус бархоста, сӯи қабр давид ва хам шуда, фақат
кафанро дид, ки гузошта шудааст, ва аз ин ҳодиса дар ҳайрат монда,
ба ҳонаи ҳуд рафт.

## Зоҳир шудани Исои эҳьёшуда ба шогирдон дар аснои роҳи Аммоус.

13 •Дар ҳамон рӯз ду нафар аз онҳо ба деҳае мерафтанд, ки
тақрибан шаст стадия* аз Ерусалим дур буд, ва Аммоус ном дошт,
14 Ва бо ҳамдигар дар бораи ҳамаи ин воқеаҳо гуфтугӯ мекарданд.

15 Ва ҳангоме ки онҳо гуфтугӯ ва мубоҳиса мекарданд, Худи Исо
наздик омада, бо онҳо равона шуд;
16 Лекин чашмони онҳо баста буд, ба тавре ки Ӯро нашиноҳтанд+.
17 Ба онҳо гуфт: «Аз чӣ хусус бо ҳамдигар дар роҳ гуфтугузор
мекунед, ва чеҳраҳотон ғамгин аст?»
18 Яке аз онҳо, ки Қлеюпос ном дошт, дар ҷавоби Ӯ гуфт: «Наход ки
танҳо Ту аз онҳое ки ба Ерусалим омадаанд, аз воқеае ки дар ин
рӯзҳо рӯй додааст, бехабар ҳастӣ?»+
19 Ба онҳо гуфт: «Аз кадом воқеа?» Ба Ӯ гуфтанд: «Аз он чи ба Исои
Носирӣ рӯй додааст, ки Ӯ пайғамбаре буд тавоно дар кирдор ва
гуфтор дар пеши Худо ва тамоми қавм;
20 Чӣ гуна Ӯро саркоҳинон ва сардорони мо таслим карданд, то ки
ба қатл маҳкум шавад, ва Ӯро маслуб карданд;+
21 Лекин мо умед доштем, ки Ӯ Ҳамон аст, ки бояд Исроилро наҷот
диҳад; аммо, бо ин ҳама, имрӯз рӯзи сеюм аст, ки ин ба вуқӯъ
омадааст;
22 Вале баъзе аз занони мо низ моро дар ҳайрат андоҳтанд: онҳо
бомдодон ба сари қабр рафтаанд,
23 Ва Ҷасади Ӯро наёфтаанд, ва омада гуфтанд, ки дар рӯъё
фариштагонро низ дидаанд, ки мегӯянд: Ӯ зинда аст;
24 Ва баъзе аз рафиқони мо ба сари қабр рафта, ончунон ки занон
гуфта буданд, ёфтаанд; лекин Ӯро надидаанд».
25 Ва Ӯ ба онҳо гуфт: «Эй бефаросатон ва сустдилон дар имоноварӣ
ба он чи анбиё пешгӯӣ кардаанд!
26 Оё Масеҳро лозим набуд ҳамаи инро аз сар гузаронда, ба ҷалоли
Худ бирасад?»+
27 Ва аз Мусо ва аз тамоми анбиё сар карда, он чиро, ки дар ҳамаи
Навиштаҳо дар бораи Ӯ гуфта шудааст, ба онҳо фаҳмонда дод+.
28 Ва онҳо ба деҳае ки сӯяш мерафтанд, наздик омаданд, ва Ӯ
чунин вонамуд кард, ки мехоҳад онсӯтар биравад;
29 Вале онҳо Ӯро нигоҳ дошта, гуфтанд: «Бо мо бимон, чунки шом
наздик аст, ва рӯз ба поён мерасад». Ва Ӯ ворид шуда, бо онҳо монд.
30 Ва ҳангоме ки Ӯ бо онҳо назди суфра нишаст, нонро гирифта,
баракат дод ва пора карда, ба онҳо дод+.
31 Он гоҳ чашмони онҳо кушода шуд, ва онҳо Ӯро шинохтанд; вале
Ӯ аз назарашон нопадид шуд.

32 Ва онҳо ба якдигар гуфтанд: «Оё дили мо дар даруни мо
намесӯхт, вақте ки Ӯ дар роҳ ба мо сухан меронд ва Навиштаҳоро ба
мо мефаҳмонд?»
33 Ва ҳамон соат бархоста, ба Ерусалим баргаштанд ва он ёздаҳро
ёфтанд, ки бо рафиқони худ ҷамъ шуда,
34 Мегуфтанд, ки Худованд ҳақиқатан эҳьё шудааст ва ба Шимъӯн
зоҳир гардидааст+.
35 Ва онҳо низ нақл карданд, ки дар асnои роҳ чӣ ҳодиса рӯй дод,
ва чӣ гуна Ӯро дар вақти пора кардани нон шинохтанд.

## Зоҳир шудани Исо ба ёздаҳ шогирдон.

36 •Вақте ки онҳо дар ин хусус гап мезаданд, Худи Исо дар миёни
онҳо истода, ба онҳо гуфт: «Салом бар шумо бод».
37 Онҳо ба изтироб ва ҳарос афтода, гумон карданд, ки рӯҳе
мебинанд;+
38 Лекин Ӯ ба онҳо гуфт: «Чаро музтариб шудед, ва аз чӣ сабаб дар
дили шумо чунин фикрҳо пайдо мешавад?
39 Ба дастҳои Ман ва ба пойҳои Ман нигоҳ кунед: ин Худи Ман
ҳастам; Маро ламс кунед ва бубинед; зеро ки рӯҳ гӯшт ва устухон
надорад, чунон ки дар Ман мебинед»+.
40 Ва инро гуфта, дастҳо ва пойҳои Худро ба онҳо нишон дод.
41 Ва чун онҳо аз шодӣ ҳанӯз бовар намекарданд ва мутааҷҷиб
мешуданд, Ӯ ба онҳо гуфт: «Оё чизи хӯрдание дар ин ҷо доред?»+
42 Пеши Ӯ як порча моҳии бирьён ва андаке асали мумдор
монданд;
43 Ва Ӯ гирифта, дар пеши назари онҳо хӯрд.
44 Ва ба онҳо гуфт: «Ин аст он чизе ки, чун бо шумо будам, ба шумо
мегуфтам, ки ҳар он чи дар Тавроти Мусо ва дар суҳафи анбиё ва
Забур дар бораи Ман навишта шудааст, бояд ба амал ояд».
45 Он гоҳ зеҳни онҳоро равшан кард, то ки Навиштаҳоро
бифаҳманд,+

## Фармоиши охирин.

46 Ва ба онҳо гуфт: «Чунин навишта шудааст, ва чунин лозим буд,
ки Масеҳ уқубат кашад ва дар рӯзи сеюм аз мурдагон эҳьё шавад+.
47 Ва ба исми Ӯ, аз Ерусалим сар карда, дар миёни ҳамаи халқҳо
тавба ва омурзиши гуноҳҳо мавъиза карда шавад;
48 Ва шумо шоҳидони ин ҳастед;+
49 Ва Ман ваъдаи Падари Худро бар шумо равона мекунам; вале
шумо дар шаҳри Ерусалим бимонед, то вақте ки бо қуввате аз олами
боло фаро гирифта шавед»+.

## Сууди Исои Масеҳ.

50 •Ва онҳоро берун оварда, то Байт-Ҳинӣ бурд ва дастҳои Худро
бардошта, онҳоро баракат дод+.
51 Ва ҳангоме ки онҳоро баракат медод, аз онҳо ҷудо шуда, ба
осмон сууд кард.
52 Ва онҳо ба Ӯ саҷда намуда, бо шодии бузурге ба Ерусалим
баргаштанд,+
53 Ва ҳамеша дар маъбад буда, Худоро ҳамду сано мегуфтанд ва
муборак мехонданд. Омин+.

---

* 1:5 **Навбати Абиё** — дар маъбад 24 гурӯҳ коҳинон бо навбат хизмат мекарданд; сардори гурӯҳи ҳаштум Абиё ном коҳине аз хонадони Ҳорун буд, ва ин гурӯҳро «навбати Абиё» меномиданд.

* 1:69 **Шох** — рамзи қувват аст.

* 2:1 **Дар тамоми рӯи замин** — яъне дар ҳудуди империяи Рум.

* 2:23 **махлуқи наринае ки батни модарро мекушояд** — яъне писарбачаи нахустзода.

* 10:12 **Дар он рӯз** — рӯзи доварӣ дар назар дошта шудааст.

* 12:38 **Поси дуюм** — аз соати нӯҳи шаб то соати дувоздаҳ.

* 12:38 **Поси сеюм** — аз соати дувоздаҳи шаб то соати се.

* 14:2 **Бемории истисқо** — бемории обхӯра (ё обхӯрак): ҷамъ шудани моддаҳои обакӣ дар шикам ва дигар аъзои бадан.

* 15:16 **Харнуб** — як навъ растанӣ, ки донаҳои онро мехӯранд.

* 19:13 **Мино** — воҳиди пули нуқра ё тилло дар Ошуристон ва Юнони Қадим, ки он ба 100 дирҳам баробар буда, тақрибан 500 грамм вазн дошт.

* 24:13 **Стадия** — воҳиди андозаи дарозӣ дар Юнони Қадим, ки тақрибан ба 194 метр баробар буд.

+ 1:3 Аъм. 1:1

+ 1:5 Мат. 2:1, 1 Вақ. 24:10, Хур. 28:1

+ 1:6 Фпл. 3:6

+ 1:7 1 Подш. 1:2

+ 1:8 1 Вақ. 24:19

+ 1:9 Хур. 30:7-8

+ 1:10 Заб. 140:2

+ 1:11 Хур. 30:1-10

+ 1:13 Аъм. 10:4

+ 1:15 Луқ. 7:28, Ад. 6:2-3, Луқ. 7:33, Иш. 49:1, Ирм. 1:4-5, Ғал. 1:15

+ 1:17 Мал. 4:5, Мат. 11:14, Мат. 17:12-13, Мал. 4:6, Мал. 3:1, Марқ. 1:2

+ 1:18 Ҳас. 15:8, Дов. 6:17

+ 1:19 Дон. 8:16, Дон. 9:21

+ 1:25 Ҳас. 30:23

+ 1:26 Дон. 8:16, Дон. 9:21, Мат. 2:23, Юҳ. 1:45, Мат. 1:16

+ 1:28 Дов. 13:3

+ 1:31 Иш. 49:1, Мат. 1:20

+ 1:32 2 Подш. 7:13, Заб. 88:4, Иш. 9:7, Марқ. 11:10

+ 1:33 Дон. 7:14, Дон. 7:27, Уб. 1:21, Зак. 14:9, 1 Қӯр. 15:24, Ваҳй 11:15

+ 1:35 Мат. 18:20, Заб. 2:7, Мат. 14:33

+ 1:37 Ҳас. 18:14, Айюб 42:2, Ирм. 32:17, Марқ. 10:27

+ 1:46 1 Подш. 2:1-10

+ 1:47 Заб. 34:9, Иш. 61:10, Ҳаб. 3:18

+ 1:48 1 Подш. 1:11, Луқ. 11:27

+ 1:49 Заб. 98:3, Заб. 110:9

+ 1:50 Так. Шар. 5:10, Так. Шар. 7:9

+ 1:51 Иш. 51:9

+ 1:52 Айюб 5:11, Заб. 146:6, Ҳиз. 21:26

+ 1:53 Заб. 106:9

+ 1:54 Ҳас. 17:19, Рум. 4:13, Ғал. 3:16, Ибр. 2:16

+ 1:59 Ҳас. 17:12, Иб. 12:3

+ 1:68 Заб. 110:9, Заб. 129:8

+ 1:69 Аъм. 3:21, Рум. 1:2, Тит. 1:1-2

+ 1:71 Заб. 105:10

+ 1:72 Иб. 26:42, Заб. 104:8

+ 1:73 Ҳас. 22:16-18, Ҳас. 26:3, Ибр. 6:13, Саф. 3:15

+ 1:76 Луқ. 7:26, Луқ. 20:6, Мал. 3:1, Мат. 3:3, Марқ. 1:2-3

+ 1:77 Луқ. 3:3

+ 1:78 Заб. 83:12, Мал. 4:2

+ 1:79 Заб. 106:10, Иш. 9:2, Иш. 42:7, Иш. 49:9, Мат. 4:16

+ 1:80 Луқ. 3:2

● 2:1 *Мат. 1:18-25*

+ 2:1 Ад. 1:2, 1 Вақ. 21:1, Аъм. 5:37

+ 2:4 Луқ. 1:26-27, 1 Подш. 17:58

+ 2:9 Аъм. 12:7

+ 2:11 Мат. 1:21, Иш. 9:6

+ 2:12 1 Подш. 2:34, 4 Подш. 19:29

+ 2:13 Ваҳй 5:11

+ 2:14 Заб. 148:1, Луқ. 19:38

+ 2:19 Дон. 7:28, Луқ. 2:51

+ 2:21 Ҳас. 17:12-13, Иб. 12:3

+ 2:22 Иб. 12:4

+ 2:23 Хур. 13:2

+ 2:24 Иб. 12:8

+ 2:25 Иш. 40:1, Иш. 57:18

+ 2:30 Иш. 42:6, Иш. 49:6, Юҳ. 8:12

+ 2:35 Юҳ. 19:25

+ 2:37 Аъм. 13:2, Аъм. 14:23

+ 2:39 Мат. 2:23, Луқ. 1:26-27

+ 2:41 Так. Шар. 16:1

+ 2:43 Иб. 23:8

+ 2:50 Луқ. 9:45, Луқ. 18:34

+ 2:51 Дон. 7:28, Луқ. 2:19

+ 2:52 1 Подш. 2:26

● 3:1 *Мат. 3:1-12, Марқ. 1:1-8, Юҳ. 1:19-28*

+ 3:1 Луқ. 13:1, Луқ. 23:1, Луқ. 9:7

+ 3:2 Мат. 26:3, Юҳ. 11:49, Луқ. 1:63, Луқ. 1:80, Юҳ. 1:6-7

+ 3:6 Иш. 40:3-5, Иш. 52:10

+ 3:7 Мат. 12:34, Мат. 23:33

+ 3:8 Луқ. 16:24, Юҳ. 8:33

+ 3:9 Луқ. 13:9, Мат. 7:19

+ 3:10 Аъм. 2:37, Аъм. 16:30

+ 3:11 Иш. 58:7, Мат. 25:35, Яъқ. 2:15-16

+ 3:14 Луқ. 19:8

+ 3:15 Юҳ. 1:19-20

+ 3:16 Юил 2:28

+ 3:17 Иш. 30:24, Мал. 4:1, Мат. 13:30

+ 3:20 Мат. 11:2, Мат. 14:1-12, Марқ. 6:17-18, Юҳ. 3:24

● 3:21 *Мат. 3:13-17, Марқ. 1:9-11*

+ 3:21 Аъм. 7:56

+ 3:22 Иш. 11:2, Юҳ. 1:32-33, Марқ. 9:7, Юҳ. 12:28, Иш. 42:1, Луқ. 9:35, 2 Пет. 1:17

● 3:23 *Мат. 1:1-17*

+ 3:23 Ад. 4:3

+ 3:27 1 Вақ. 3:17-19, Эзр. 3:2, Ҳач. 1:1

+ 3:31 2 Подш. 5:14

+ 3:32 1 Подш. 17:12, Иш. 11:1, Рут 4:18-22

+ 3:33 Ҳас. 38, Ад. 26:21

+ 3:34 1 Вақ. 1:17-27

+ 3:38 Ҳас. 5

● 4:1 *Мат. 4:1-11, Марқ. 1:12-13*

+ 4:2 1 Вақ. 21:1, 1 Тас. 3:5, Так. Шар. 9:9, 3 Подш. 19:8, Мат. 21:18

+ 4:4 Так. Шар. 8:3

+ 4:6 1 Юҳ. 5:19, Ваҳй 13:2

+ 4:8 Так. Шар. 6:13

+ 4:10 Заб. 90:11-12

+ 4:12 Так. Шар. 6:16

● 4:14 *Мат. 13:53-58, Марқ. 6:1-6*

+ 4:15 Марқ. 1:21

+ 4:16 Мат. 2:23, Луқ. 2:39

+ 4:18 Иш. 11:2, Иш. 58:6, Иб. 25:10, Иш. 61:1-2

+ 4:23 Мат. 11:23, Марқ. 2:1-12, Юҳ. 4:46-53

+ 4:24 Юҳ. 4:44

+ 4:25 3 Подш. 17:1, 3 Подш. 18:2, Яъқ. 5:17

+ 4:26 3 Подш. 17:9

+ 4:27 Иб. 13:3, Ад. 12:10, 2 Вак. 26:20, 4 Подш. 5:1-14

+ 4:30 Юҳ. 8:59, Юҳ. 10:39

● 4:31 *Марқ. 1:21-28*

+ 4:31 Мат. 4:13

+ 4:32 Мат. 7:28-29

+ 4:34 Мат. 8:29, Марқ. 1:23-24, Луқ. 8:28, Аъм. 19:15

+ 4:35 Луқ. 9:42, Аъм. 8:7

● 4:38 *Мат. 8:14-17, Марқ. 1:29-34*

+ 4:38 1 Қӯр. 9:5

+ 4:41 Заб. 2:7, Мат. 12:16, Марқ. 3:12

● 4:42 *Марқ. 1:35-39*

+ 4:42 Луқ. 5:16

+ 4:43 Иш. 61:1

● 5:1 *Мат. 4:18-22, Марқ. 1:16-20*

+ 5:1 Ад. 34:11, Мат. 14:34, Марқ. 6:53

+ 5:4 Юҳ. 21:6

+ 5:8 Иш. 6:5

+ 5:10 Мат. 13:47

● 5:12 *Мат. 8:1-4, Марқ. 1:40-45*

+ 5:12 Иб. 13:3, Ад. 12:10, 4 Подш. 5:1, 2 Вак. 26:20, Марқ. 9:22

+ 5:14 Мат. 9:30, Мат. 17:9, Марқ. 1:34, Иб. 14:1-32, Луқ. 17:14

+ 5:16 Мат. 14:23, Луқ. 4:42

● 5:17 *Мат. 9:1-8, Марқ. 2:1-12*

+ 5:17 Луқ. 6:19, Луқ. 8:46

+ 5:20 Мат. 8:10, Марқ. 10:52, Луқ. 7:48

+ 5:21 Мат. 26:65, Заб. 31:5, Иш. 43:25

● 5:27 *Мат. 9:9-17, Марқ. 2:13-22*

+ 5:29 Луқ. 19:6

+ 5:30 Луқ. 15:2

+ 5:32 Луқ. 15:7, 1 Тим. 1:15

● 5:33 *Мат. 9:14-17, Марқ. 2:18-22*

+ 5:33 Мат. 11:2, Луқ. 11:1, Юҳ. 1:35, Луқ. 18:12

+ 5:34 Мат. 25:1-13, Юҳ. 3:29, Ваҳй 19:7, Ваҳй 21:2

+ 5:35 Марқ. 14:7, Луқ. 17:22

● 6:1 *Мат. 12:1-14, Марқ. 2:23*

+ 6:1 Так. Шар. 23:25

+ 6:2 Хур. 20:8-10, Ад. 15:32-36

+ 6:3 1 Подш. 21:6

+ 6:4 Хур. 25:30, Иб. 24:5-9

+ 6:6 Марқ. 1:21

+ 6:7 Луқ. 14:1, Луқ. 20:20

+ 6:9 Луқ. 14:3

+ 6:10 3 Подш. 13:6

● 6:12 *Мат. 10:1-4, Марқ. 3:13-19*

+ 6:14 Мат. 16:18, Юх. 1:42

+ 6:15 Мат. 9:9

+ 6:16 Луқ. 22:47

● 6:17 *Мат. 4:23*

+ 6:19 Луқ. 5:17, Луқ. 8:46

+ 6:20 Саф. 3:12

+ 6:21 Заб. 41:2, Иш. 55:1, Юҳ. 7:37, Воиз 7:3, 2 Қӯр. 7:10

+ 6:22 1 Пет. 4:14

+ 6:23 Аъм. 5:41, Яъқ. 1:2, 2 Қӯр. 12:10

+ 6:24 Ом. 6:1, Мат. 6:2, Яъқ. 5:1

+ 6:25 Иш. 65:13, Мас. 14:13, Иш. 65:14

+ 6:26 Иш. 30:10, Мик. 2:11

● 6:27 *Мат. 5:38-48*

+ 6:28 Луқ. 23:34, Аъм. 7:60, 1 Пет. 3:9

+ 6:29 Нав. 3:30, 1 Пет. 2:23, 1 Қӯр. 6:7

+ 6:30 Так. Шар. 15:7-8, Мас. 21:26

+ 6:31 Мат. 7:12

+ 6:35 Заб. 36:26

+ 6:36 Мат. 5:7

● 6:37 *Мат. 7:1-5*

+ 6:37 Рум. 14:10, 1 Қӯр. 4:5, Рум. 2:1, Рум. 14:10, Яъқ. 2:13

+ 6:38 2 Қӯр. 9:6, Марқ. 4:24, Рум. 2:1

+ 6:39 Мат. 15:14

+ 6:40 Мат. 10:24, Юҳ. 13:16

● 6:43 *Мат. 7:17-20, Мат. 12:33-35*

+ 6:45 Мас. 12:5, Мат. 15:18, Яъқ. 3:6

● 6:46 *Мат. 7:24-27*

+ 6:46 Ҳуш. 8:2, Мат. 7:22, Мат. 25:11, Юҳ. 13:13

+ 6:48 Мас. 10:25, Мас. 12:3

● 7:1 *Мат. 8:5-13*

+ 7:4 Аъм. 10:2

+ 7:7 Заб. 106:20

+ 7:13 Мат. 20:34

+ 7:14 Луқ. 8:54

+ 7:15 3 Подш. 17:23, 4 Подш. 4:36

+ 7:16 Так. Шар. 18:15, Мат. 21:11

● 7:18 *Мат. 11:2-19*

+ 7:19 Юх. 4:25, Юх. 6:14, Юх. 11:27

+ 7:22 Иш. 35:5, Иш. 61:1

+ 7:23 Юх. 6:61, Юх. 16:1

+ 7:24 Лук. 3:2

+ 7:26 Мат. 14:5, Мат. 21:26

+ 7:27 Хур. 23:20, Мал. 3:1, Марк. 1:2

+ 7:28 Лук. 1:15

+ 7:29 Лук. 3:12

+ 7:33 Мат. 3:4, Лук. 1:15

+ 7:34 Юх. 2:1, Юх. 12:2, Лук. 5:30

● 7:36 *Мат. 26:6-13, Марк. 14:3-9, Юх. 12:1-8*

+ 7:39 Лук. 15:2

+ 7:41 Мат. 18:28

+ 7:42 Мат. 6:14, Марқ. 11:25-26, Эфс. 4:32, Қӯл. 3:13

+ 7:46 Заб. 22:5

+ 7:48 Луқ. 5:20

+ 7:50 Луқ. 8:48, Луқ. 17:19, Луқ. 18:42, Эфс. 2:8

+ 8:1 Луқ. 4:43

+ 8:2 Луқ. 23:49, Мат. 27:56, Марқ. 16:9, Луқ. 24:10, Юҳ. 19:25

+ 8:3 Луқ. 24:10

● 8:4 *Мат. 13:1-9, Марқ. 4:1-9*

+ 8:7 Ирм. 4:3

+ 8:8 Мат. 11:15, Ваҳй 2:7

● 8:9 *Мат. 13:10-23, Марқ. 4:10-25*

+ 8:10 Мат. 19:11, Иш. 6:9, Иш. 42:20, Ирм. 5:21

+ 8:11 Иш. 55:10-11, Аъм. 8:4

+ 8:13 Ғал. 1:6, Ибр. 6:4

+ 8:14 Мат. 6:25, Марқ. 10:23, 1 Тим. 6:10

+ 8:15 Юҳ. 15:5

+ 8:16 Мат. 5:15, Луқ. 11:33

+ 8:17 Мат. 10:26, Луқ. 12:2

+ 8:18 Мас. 9:9

● 8:19 *Мат. 12:46-50, Марқ. 3:31-35*

+ 8:19 Марқ. 6:3, Юҳ. 2:12, Юҳ. 7:3, Аъм. 1:14, 1 Қӯр. 9:5, Ғал. 1:19

+ 8:21 Юҳ. 15:14, Ибр. 2:11

● 8:22 *Мат. 8:23-27, Марқ. 4:35-41*

+ 8:22 Мат. 8:18, Марқ. 4:35

+ 8:24 Заб. 64:8, Заб. 88:10, Заб. 103:7

● 8:26 *Мат. 8:28-34, Марқ. 5:1-20*

+ 8:28 Луқ. 4:34

+ 8:35 Луқ. 10:39

+ 8:37 Луқ. 5:8, Аъм. 16:39

+ 8:39 Заб. 65:16

● 8:40 *Мат. 9:18-26, Марқ. 5:21-43*

+ 8:41 Луқ. 13:14, Аъм. 13:15, Аъм. 18:8

+ 8:43 Иб. 15:25

+ 8:44 Марқ. 3:10

+ 8:46 Луқ. 5:17, Луқ. 6:19

+ 8:48 Луқ. 7:50, Эфс. 2:8

+ 8:51 Марқ. 14:33, Луқ. 9:28

+ 8:52 Юх. 11:11

+ 8:54 Марқ. 1:31, Марқ. 9:27, Аъм. 3:7, Аъм. 9:41, Луқ. 7:14

+ 8:56 Марқ. 1:44, Марқ. 9:9

● 9:1 *Мат. 10:5-15, Марқ. 6:7-13*

+ 9:1 Луқ. 6:12-16

+ 9:5 Аъм. 13:51

+ 9:6 Марқ. 1:15

● 9:7 *Мат. 14:1-12, Марқ. 6:14-29*

+ 9:7 Луқ. 3:1, Луқ. 9:19

+ 9:8 3 Подш. 17:1, Мал. 4:5

+ 9:9 Луқ. 3:19-20, Луқ. 23:8

● 9:10 *Мат. 14:13-21, Марқ. 6:30-44, Юҳ. 6:1-14*

+ 9:10 Луқ. 9:2

+ 9:13 4 Подш. 4:42-44

● 9:18 *Мат. 16:13-19, Марқ. 8:27-29*

+ 9:19 Луқ. 9:7, 3 Подш. 17:1, Мал. 4:5

+ 9:20 Луқ. 22:67, Юҳ. 11:27

● 9:21 *Мат. 16:20-28, Марқ. 8:30*

+ 9:22 Луқ. 17:25, Луқ. 18:33, Луқ. 24:7, Юҳ. 2:19

+ 9:23 Мат. 10:38-39, Луқ. 14:27

+ 9:25 Луқ. 12:20

+ 9:26 Рум. 1:16, 2 Тим. 1:8, Так. Шар. 33:2, Дон. 7:13, Зак. 14:5

+ 9:27 Луқ. 21:32, Юҳ. 21:22

● 9:28 *Мат. 17:1-8, Марқ. 9:2-8*

\+ 9:28 Марқ. 14:33, Луқ. 8:51

\+ 9:29 Дон. 7:9

\+ 9:30 Мал. 4:5

\+ 9:35 Иш. 42:1, Луқ. 23:35, Так. Шар. 18:15, 2 Пет. 1:17

● 9:37 *Мат. 17:14-18, Марқ. 9:14-27*

\+ 9:42 Луқ. 4:35

● 9:43 *Мат. 17:22-23, Марқ. 9:30-32*

\+ 9:44 Луқ. 9:22, Луқ. 18:32-33

\+ 9:45 Луқ. 2:50, Луқ. 18:34

● 9:46 *Мат. 18:1-5, Марқ. 9:33-40*

\+ 9:48 Мат. 10:40, Луқ. 10:16, Юҳ. 13:20

\+ 9:49 Мат. 7:22, Мат. 12:27, Аъм. 19:13, Ад. 11:28

\+ 9:50 Луқ. 11:23

\+ 9:51 Луқ. 24:51, Аъм. 1:9

+ 9:52 Мат. 10:5

+ 9:54 4 Подш. 1:10, Ваҳй 13:13

● 9:57 *Мат. 8:19-22*

+ 9:61 3 Подш. 19:20

● 10:1 *Мат. 10:7-16*

+ 10:2 Мат. 9:37-38, Юҳ. 4:35

+ 10:3 Мат. 10:16

+ 10:4 4 Подш. 4:29

+ 10:7 Ғал. 6:6, 1 Тим. 5:18

+ 10:8 1 Қӯр. 10:27

+ 10:9 Марқ. 1:15

+ 10:11 Аъм. 13:51

+ 10:12 Ҳас. 18:20, Ҳас. 19:24, Ирм. 23:14, Ҳиз. 16:48

● 10:13 *Мат. 11:20-24*

+ 10:13 Марқ. 6:45, Марқ. 8:21, Марқ. 3:7

+ 10:14 Иш. 23:1, Ирм. 47:4, Ҳиз. 26:2, Юил 3:4, Ом. 1:9, Зак. 9:2

+ 10:15 Иш. 14:13, Иш. 14:15

+ 10:16 Мат. 10:40, Мат. 25:45, Юҳ. 13:20, Ғал. 4:14

+ 10:17 Марқ. 16:17, Аъм. 5:16, Аъм. 8:7, Аъм. 16:18, Аъм. 19:12

+ 10:18 Иш. 14:12, Ваҳй 9:1, Ваҳй 12:8-9

+ 10:19 Заб. 90:13, Марқ. 16:18, Аъм. 28:3-5

+ 10:20 Хур. 32:32, Заб. 68:29, Ибр. 12:23, Ваҳй 3:5

● 10:21 *Мат. 11:25-27, Мат. 13:16-17*

+ 10:21 Айюб 37:24, Иш. 29:14

+ 10:22 Юҳ. 6:46, Юҳ. 7:29, Юҳ. 8:19, Юҳ. 10:15

+ 10:23 Мат. 13:16-17

+ 10:24 Ибр. 11:13, 1 Пет. 1:10-12

+ 10:25 Луқ. 18:18

+ 10:27 Так. Шар. 6:5, Так. Шар. 11:13, Ех. 22:5, Иб. 19:18, Мат. 22:37, Марқ. 12:30

+ 10:28 Иб. 18:5, Рум. 10:5, Ғал. 3:12

+ 10:32 Ад. 8:19

+ 10:33 4 Подш. 17:34, Юҳ. 4:9, Юҳ. 8:48

+ 10:34 Иш. 1:6

+ 10:38 Юҳ. 11:1, Юҳ. 12:2

+ 10:39 Лук. 8:35

+ 10:41 Лук. 12:25

+ 10:42 Заб. 15:5

● 11:1 *Мат. 6:9-15, Мат. 7:7-11*

+ 11:1 Мат. 11:2, Марк. 2:18, Юҳ. 1:35

+ 11:3 Мас. 30:8

+ 11:4 Мат. 26:41

+ 11:10 Мас. 8:17, Мат. 18:19, Мат. 21:22, Марк. 11:24, Юҳ. 14:13-14, 1 Юҳ. 3:22, 1 Юҳ. 5:14

+ 11:13 Ҳас. 6:5, Мат. 12:34, Аъм. 2:38

● 11:14 *Мат. 12:22-30, Мат. 12:43-45, Марк. 3:20-27*

+ 11:15 4 Подш. 1:2, Мат. 9:34, Мат. 10:25

+ 11:16 Марқ. 8:11, 1 Қӯр. 1:22

+ 11:19 Луқ. 9:49, Аъм. 19:13

+ 11:22 Иш. 49:24-25

+ 11:23 Луқ. 9:50

+ 11:26 2 Пет. 2:20

+ 11:27 Луқ. 1:48

+ 11:28 Юҳ. 13:17, Яъқ. 1:22, Рум. 2:13

● 11:29 *Мат. 12:38-42, Мат. 16:1-4, Марқ. 8:11-13*

+ 11:31 3 Подш. 10:1-13, Мат. 12:6

+ 11:32 Юн. 3:5

● 11:33 *Мат. 6:22-23*

+ 11:33 Мат. 5:15, Марқ. 4:21, Луқ. 8:16

● 11:37 *Мат. 23:1-36, Марқ. 12:38-40, Луқ. 20:45-47*

+ 11:38 Марқ. 7:3-5

+ 11:42 Луқ. 18:12

+ 11:43 Луқ. 14:7, Луқ. 20:46

+ 11:44 Мас. 26:23

+ 11:48 Аъм. 7:51-52

+ 11:49 Мат. 21:35

+ 11:50 Нах. 9:26, Ваҳй 18:24, Ҳас. 4:8, 1 Юҳ. 3:12, Ибр. 11:4, 2 Вак. 24:21

+ 11:54 Луқ. 20:20

+ 12:1 Мат. 16:6, Марқ. 8:15, 1 Қўр. 5:7-8

+ 12:2 Мат. 10:26, Марқ. 4:22, Луқ. 8:17

● 12:4 *Мат. 10:17-20, Мат. 10:28-33*

+ 12:4 Заб. 55:5, Заб. 117:6, Мас. 29:25, Иш. 51:7, Иш. 51:12

+ 12:5 Ибр. 10:31

+ 12:7 Мат. 6:26, Мат. 12:12

+ 12:8 Рум. 10:9, Ваҳй 3:5

+ 12:9 Мат. 25:12, 1 Юҳ. 2:23, 2 Тим. 2:12

+ 12:10 Мат. 12:31-32, Марқ. 3:29

+ 12:12 Мас. 16:1

● 12:13 *Мат. 6:19-21, Мат. 6:25-34*

+ 12:15 1 Тим. 6:6-10, Хур. 20:17, Заб. 61:11

+ 12:19 Иш. 22:13

+ 12:20 Заб. 38:7, Воиз 2:18, Воиз 6:2

+ 12:21 1 Тим. 6:18

+ 12:22 Фпл. 4:6, 1 Пет. 5:7

+ 12:24 Мат. 10:31, Мат. 12:12

+ 12:27 3 Подш. 10:4-7

+ 12:28 Мат. 8:26, Мат. 14:31, Мат. 16:8

+ 12:31 Заб. 36:4

+ 12:32 Иш. 40:11, Юҳ. 10:16, Луқ. 22:29

+ 12:33 Мат. 19:21, Луқ. 18:22

● 12:35 *Мат. 24:45-51*

+ 12:36 Ваҳй 3:20

+ 12:39 2 Пет. 3:10, 1 Тас. 5:2

+ 12:43 Мат. 25:21, Юҳ. 13:17

+ 12:45 Мат. 25:5

+ 12:48 Иб. 5:17

● 12:49 *Мат. 10:34-36*

+ 12:50 Марқ. 10:38

+ 12:51 Аъм. 14:4

+ 12:53 Мик. 7:6

● 12:54 *Мат. 5:25-26, Мат. 16:2-3*

+ 12:58 Мас. 25:8

+ 13:1 Луқ. 3:1, Луқ. 23:1

+ 13:2 Айюб 4:7

+ 13:4 Иш. 8:6, Юҳ. 9:7, Юҳ. 9:11

+ 13:6 Иш. 5:2, Мат. 21:19, Марқ. 11:13

+ 13:7 Мат. 7:19, Луқ. 3:9

+ 13:10 Мат. 4:23, Марқ. 6:2

+ 13:13 Заб. 144:14, Заб. 145:8

+ 13:14 Луқ. 8:41, Аъм. 13:15, Аъм. 18:8, Хур. 20:9

+ 13:15 Луқ. 14:5

+ 13:17 1 Пет. 3:16

● 13:18 *Мат. 13:31-33, Марқ. 4:30-32*

+ 13:19 Мат. 17:20, Луқ. 17:6, Ҳиз. 17:23, Ҳиз. 31:6, Дон. 4:9

+ 13:21 1 Қӯр. 5:6, Ғал. 5:9

● 13:22 *Мат. 7:13-14, Мат. 7:21-23*

+ 13:25 Мат. 25:11-12

+ 13:27 Заб. 6:9

+ 13:28 Мат. 8:12

+ 13:29 Мат. 8:11, Эфс. 3:6

+ 13:30 Мат. 19:30, Мат. 20:16, Марқ. 10:31

● 13:31 *Мат. 23:37-39*

+ 13:31 Луқ. 3:1, Луқ. 9:7

+ 13:34 2 Вак. 24:21, Нах. 9:26, Аъм. 7:52, Так. Шар. 32:11-12, Рут 2:12, Заб. 146:2

+ 13:35 Заб. 117:26, Лук. 19:38

+ 14:1 Лук. 6:7, Лук. 20:20

+ 14:3 Мат. 12:10, Марк. 3:4

+ 14:5 Лук. 13:15

+ 14:7 Лук. 11:43

+ 14:8 Мас. 25:6-7

+ 14:11 Мат. 23:12, Лук. 18:14

+ 14:14 1 Қӯр. 15:23, 1 Тас. 4:16

● 14:15 *Мат. 22:1-10*

+ 14:15 Ваҳй 19:9

+ 14:20 Так. Шар. 24:5

● 14:25 *Мат. 10:37-38*

+ 14:26 Юҳ. 12:25

+ 14:27 Мат. 16:24, Лук. 9:23

+ 14:34 Мат. 5:13, Марқ. 9:50

+ 14:35 Мат. 11:15, Луқ. 8:8, Ваҳй 2:7

● 15:1 *Мат. 18:12-14*

+ 15:2 Луқ. 5:30, Луқ. 19:7

+ 15:4 Ҳиз. 34:6, Ҳиз. 34:11

+ 15:6 1 Пет. 2:25

+ 15:7 Луқ. 5:31-32

+ 15:12 Так. Шар. 21:17

+ 15:18 Хур. 10:16

+ 15:22 Зак. 3:4

+ 15:24 Рум. 11:15, Эфс. 2:1, Эфс. 2:5, Кӯл. 2:13

+ 15:30 Мас. 29:3

+ 16:8 Юҳ. 12:36, 1 Тас. 5:5

+ 16:10 Мат. 25:21, Луқ. 19:17

+ 16:11 Мас. 24:4

+ 16:13 Мат. 6:24

● 16:14 *Мат. 11:12-13*

\+ 16:14 1 Тим. 6:10

\+ 16:15 1 Подш. 16:7, 3 Подш. 8:39, Мас. 21:2, Ирм. 11:20

\+ 16:16 Мат. 3:2, Луқ. 4:43, Мат. 11:12-13

\+ 16:17 Мат. 5:18

\+ 16:18 Мал. 2:16, Мат. 5:32, Мат. 19:19

\+ 16:22 Мат. 18:10, Аъм. 12:15

\+ 16:23 Мат. 11:23, Мат. 8:11

\+ 16:24 Луқ. 3:8

\+ 16:29 Аъм. 26:22, Аъм. 28:23

\+ 16:31 Мат. 28:11-15, Юҳ. 12:10-11

● 17:1 *Мат. 18:6-7, Мат. 18:21-22*

\+ 17:1 Луқ. 22:22

\+ 17:2 Марқ. 9:42

\+ 17:3 Иб. 19:17, Мат. 18:15

+ 17:4 Мат. 6:14

+ 17:5 Марқ. 9:24

+ 17:6 Мат. 17:20, Луқ. 13:19

+ 17:12 Иб. 13:3, Луқ. 5:11, Иб. 13:46

+ 17:14 Иб. 14:1-32, Мат. 8:4, Марқ. 1:44, Луқ. 5:14

+ 17:16 Луқ. 5:12, 4 Подш. 17:34, Юҳ. 4:9

+ 17:19 Марқ. 10:52, Луқ. 7:50, Эфс. 2:8

● 17:20 *Мат. 24:23-28, Мат. 24:37-41*

+ 17:20 Луқ. 19:11, Аъм. 1:6

+ 17:22 Луқ. 5:35, Юҳ. 8:56

+ 17:23 Марқ. 13:21, Луқ. 21:28

+ 17:25 Луқ. 9:22

+ 17:26 Ҳас. 6:5

+ 17:27 Ҳас. 6:14, Ҳас. 7:21

+ 17:29 Ҳас. 19:16, Ҳас. 19:24, 2 Пет. 2:6-8

+ 17:31 Марқ. 13:15

+ 17:32 Ҳас. 19:26

+ 17:33 Мат. 10:39

+ 18:1 Луқ. 21:36, Рум. 12:12, Эфс. 6:18, Қӯл. 4:2, 1 Тас. 5:17

+ 18:7 Заб. 21:3, Заб. 87:2, Ваҳй 6:10, Марқ. 13:20, Рум. 8:33, Қӯл. 3:12, Тит. 1:1

+ 18:8 Ибр. 10:37

+ 18:9 Луқ. 16:15

+ 18:10 Аъм. 3:1

+ 18:11 Мат. 6:5

+ 18:12 Луқ. 5:33, Луқ. 11:42

+ 18:13 Заб. 78:9, Дон. 9:19

+ 18:14 Мат. 23:12, Луқ. 14:11

● 18:15 *Мат. 19:13-15, Марқ. 10:13-16*

+ 18:17 Мат. 18:3

● 18:18 *Мат. 19:16-30, Марқ. 10:17-31*

+ 18:18 Луқ. 10:25

+ 18:19 Заб. 105:1, Заб. 118:68

+ 18:20 Хур. 20:12-16

+ 18:21 Фпл. 3:6

+ 18:22 Луқ. 12:33

+ 18:24 Заб. 48:7-8

+ 18:27 Ҳас. 18:14, Айюб 42:2, Ирм. 32:17, Марқ. 14:36

+ 18:28 Луқ. 5:11

+ 18:29 Луқ. 14:26

● 18:31 *Мат. 20:17-19, Марқ. 10:32-34*

+ 18:33 Луқ. 9:22, Луқ. 24:7, Юҳ. 2:19

+ 18:34 Луқ. 2:50, Луқ. 9:45

● 18:35 *Мат. 20:29-34, Марқ. 10:46-52*

+ 18:35 Еҳ. 6:1, 3 Подш. 16:34

+ 18:38 2 Подш. 7:12-16, Мат. 22:42, Луқ. 1:32

+ 18:42 Луқ. 7:50, Эфс. 2:8

+ 19:1 Ех. 6:1, 3 Подш. 16:34

+ 19:7 Луқ. 5:30, Луқ. 15:2

+ 19:8 Хур. 22:1, 2 Подш. 12:6, Луқ. 3:14

+ 19:9 Луқ. 3:8, Юҳ. 8:33, Юҳ. 8:39

● 19:11 *Мат. 25:14-30*

+ 19:11 Луқ. 17:20, Аъм. 1:6

+ 19:14 Юҳ. 15:8

+ 19:17 Луқ. 16:10

+ 19:22 Айюб 9:20, Айюб 15:6, 3 Подш. 20:40

+ 19:26 Мат. 13:12

+ 19:27 Мат. 22:7, Луқ. 20:16

● 19:28 *Мат. 21:1-11, Марқ. 11:1-11, Юҳ. 12:12-19*

+ 19:29 2 Подш. 15:30, Зак. 14:4, Аъм. 1:12

+ 19:36 4 Подш. 9:13

+ 19:38 Заб. 117:25-26, Заб. 148:1

+ 19:39 Мат. 21:15-16

+ 19:40 Ҳаб. 2:11

+ 19:41 Юҳ. 11:35

+ 19:42 Заб. 80:14, Иш. 48:18

+ 19:43 Иш. 29:3, Ирм. 6:6, Ҳиз. 4:2, Ҳиз. 26:8

+ 19:44 Заб. 136:9, Луқ. 21:6

● 19:45 *Мат. 21:12-17, Марқ. 11:15-19, Юҳ. 2:13-22*

+ 19:46 Иш. 56:7, Ирм. 7:11

● 20:1 *Мат. 21:23-27, Марқ. 11:27-33*

+ 20:2 Аъм. 4:7

+ 20:4 Луқ. 3:3

+ 20:5 Луқ. 7:30

+ 20:6 Луқ. 7:26, Луқ. 9:8

● 20:9 *Мат. 21:33-46, Марқ. 12:1-12*

+ 20:9 Заб. 79:9, Иш. 5:1, Сур. Сур. 8:11, Марқ. 13:34

+ 20:12 Луқ. 11:48-49

+ 20:13 Мат. 3:17, Ибр. 1:1

+ 20:14 Ибр. 1:2

+ 20:15 Ибр. 13:12

+ 20:16 Аъм. 13:46

+ 20:17 Заб. 117:22

+ 20:18 Иш. 8:14-15, Иш. 28:16

● 20:19 *Мат. 22:15-22, Марқ. 12:13-17*

+ 20:20 Луқ. 6:7, Луқ. 14:1, Луқ. 11:54

+ 20:22 Мат. 17:24-25

+ 20:23 Марқ. 7:6, Луқ. 12:1

+ 20:25 Рум. 13:7

● 20:27 *Мат. 22:23-33, Марқ. 12:18-27*

+ 20:27 Аъм. 23:8

+ 20:28 Так. Шар. 25:5

+ 20:35 2 Тас. 1:5

+ 20:37 Хур. 3:2, Хур. 3:6

+ 20:40 Мат. 22:46

● 20:41 *Мат. 22:41-46, Марқ. 12:35-40*

+ 20:41 2 Подш. 7:12-16, Луқ. 1:32, Луқ. 18:38

+ 20:42 Заб. 109:1, Аъм. 2:34-35

+ 20:46 Луқ. 11:43

● 21:1 *Марқ. 12:41-44*

+ 21:1 4 Подш. 12:9, Мат. 27:6, Юҳ. 8:20

+ 21:4 2 Қӯр. 8:1-3, 2 Қӯр. 8:12

● 21:5 *Мат. 24:1-14, Марқ. 13:1-13*

+ 21:6 Луқ. 19:44

+ 21:8 1 Юҳ. 3:7, Қӯл. 2:8, 2 Тас. 2:3, Ирм. 14:14

+ 21:10 2 Вак. 15:6, Ваҳй 6:4

+ 21:11 Аъм. 11:28, Ваҳй 6:8, Ваҳй 6:12

+ 21:12 Аъм. 4:3, Аъм. 17:6, Аъм. 18:12, Аъм. 24:1, Аъм. 25:6

+ 21:15 Аъм. 6:10

+ 21:18 1 Подш. 14:45, 2 Подш. 14:11, Аъм. 27:34

● 21:20 *Мат. 24:15-21, Марқ. 13:14-19*

+ 21:23 Мат. 27:25, 1 Тас. 2:16

+ 21:24 Ваҳй 11:2

● 21:25 *Мат. 24:29-31, Марқ. 13:24-27*

+ 21:27 Дон. 7:13

● 21:29 *Мат. 24:32-35, Марқ. 13:28-31*

+ 21:32 Луқ. 9:27

+ 21:33 Заб. 101:26-27, Иш. 51:6, 2 Пет. 3:10

+ 21:34 Иш. 24:17

+ 21:36 Мат. 25:13, 1 Тас. 5:6, Луқ. 18:1, Рум. 12:12, Эфс. 6:18, Қӯл. 4:2, 1 Тас. 5:17

+ 21:37 Мат. 21:23, Мат. 26:55

● 22:1 *Мат. 26:1-5, Мат. 26:14-16, Марқ. 14:1-2, Марқ. 14:10-11, Юҳ. 11:45-53*

+ 22:1 Хур. 12:1-30

+ 22:3 Юҳ. 13:2

+ 22:6 Аъм. 1:16

● 22:7 *Мат. 26:17-25, Марқ. 14:12-21, Юҳ. 13:21-30*

+ 22:7 Хур. 12:6, 1 Қӯр. 5:7

● 22:14 *Мат. 26:26-30, Марқ. 14:22-26, 1 Қӯр. 11:23-25*

+ 22:16 Ваҳй 19:9

+ 22:19 Юҳ. 6:51, 1 Қӯр. 10:16, 1 Қӯр. 11:24

+ 22:20 Хур. 24:8, Ирм. 31:31

+ 22:21 Заб. 40:10, Юҳ. 13:18

+ 22:22 Аъм. 2:23

● 22:24 *Мат. 18:1-5, Марқ. 9:33-37, Луқ. 9:46-50*

+ 22:26 Мат. 20:26, Марқ. 10:43-44

+ 22:27 Мат. 20:28, Юҳ. 13:4-5

+ 22:28 Ибр. 2:18

+ 22:29 Луқ. 12:32

+ 22:30 Мат. 19:28, Ваҳй 3:21

● 22:31 *Мат. 26:31-35, Марқ. 14:27-31, Юҳ. 13:36-38*

+ 22:31 Айюб 1:6-12, Ом. 9:9

+ 22:32 Юҳ. 17:9

+ 22:33 Юҳ. 21:19, Аъм. 12:4

+ 22:35 Луқ. 9:3, Луқ. 10:4

+ 22:37 Иш. 53:12

● 22:39 *Мат. 26:36-46, Марқ. 14:32-42*

+ 22:40 Мат. 6:13

+ 22:42 Марқ. 10:38, Юҳ. 18:11, Ибр. 5:7, Мат. 6:10

+ 22:43 Мат. 4:11, Марқ. 1:13

● 22:47 *Мат. 26:47-56, Марқ. 14:43-50, Юҳ. 18:3-11*

+ 22:47 Аъм. 1:16

+ 22:49 Луқ. 22:38

+ 22:53 Луқ. 20:1, Эфс. 6:12

● 22:54 *Мат. 26:57-58, Мат. 26:69-75, Марқ. 14:53-54, Марқ. 14:66-72, Юҳ. 18:12-18, Юҳ. 18:25-27*

+ 22:61 Луқ. 22:34

● 22:63 *Мат. 26:67-68, Марқ. 14:65*

+ 22:63 Иш. 50:6

● 22:66 *Мат. 26:59-66, Марқ. 14:55-64, Юҳ. 18:19-24*

+ 22:69 Заб. 109:1, Марқ. 16:19, Аъм. 7:56, Ибр. 1:3

+ 22:71 Мат. 9:3, Юҳ. 10:36

● 23:1 *Мат. 27:1-2, Мат. 27:11-14, Марқ. 15:1-5, Юҳ. 18:28-30*

+ 23:1 Луқ. 3:1, Луқ. 13:1, Аъм. 3:13, Аъм. 4:27, 1 Тим. 6:13

+ 23:2 Аъм. 17:7, Луқ. 20:25

+ 23:3 Мат. 2:2

+ 23:4 Юҳ. 18:38, Юҳ. 19:4, Ибр. 4:15

+ 23:7 Лук. 3:1, Лук. 9:7

+ 23:8 Лук. 9:9

● 23:13 *Мат. 27:15-26, Марқ. 15:6-15, Юҳ. 18:39*

● 23:26 *Мат. 27:32-44, Марқ. 15:21-32, Юҳ. 19:17-27*

+ 23:29 Марқ. 13:17, Лук. 21:23

+ 23:30 Ҳуш. 10:8, Ваҳй 6:16

+ 23:31 Ҳиз. 20:47

+ 23:34 Аъм. 7:60, Заб. 21:19

+ 23:35 Иш. 42:1, Лук. 9:35, Юҳ. 10:18

+ 23:41 Лук. 23:4, Ибр. 4:15

● 23:44 *Мат. 27:45-56, Марқ. 15:33-41, Юҳ. 19:28-30*

+ 23:44 Ом. 8:9

+ 23:45 Хур. 26:33, Иб. 16:2

+ 23:46 Заб. 30:6, Аъм. 7:59

+ 23:48 Лук. 18:13

+ 23:49 Лук. 8:2

● 23:50 *Мат. 27:57-61, Марк. 15:42-47, Юх. 19:38-42*

+ 23:53 Иш. 53:9

+ 23:56 Хур. 20:10, Так. Шар. 5:14

● 24:1 *Мат. 28:1-10, Марк. 16:1-8, Юх. 20:1-10*

+ 24:4 Юх. 20:12

+ 24:7 Лук. 9:22, Лук. 18:33, Юх. 2:19

+ 24:8 Юх. 2:22

+ 24:10 Марк. 15:40, Лук. 8:2-3

+ 24:11 Марк. 16:11

● 24:13 *Марк. 16:12-13*

+ 24:16 Юх. 20:14

+ 24:18 Юх. 19:25

+ 24:20 Аъм. 2:23

+ 24:26 1 Пет. 1:11

+ 24:27 Ҳас. 3:15, Ҳас. 12:3, Ҳас. 22:8, Ад. 21:9, Ад. 24:17, Так. Шар. 18:15, 2 Подш. 7:12-14, Заб. 15:10, Иш. 7:14, Иш. 9:2, Иш. 11:1, Иш. 50:6, Иш. 53, Ирм. 23:5-6, Дон. 7:13, Дон. 9:24-27, Мик. 5:2, Зак. 9:9, Зак. 12:10, Зак. 13:7, Аъм. 8:35

+ 24:30 Луқ. 9:16

+ 24:34 1 Қӯр. 15:5

● 24:36 *Мат. 28:16-20, Марқ. 16:14-18, Юҳ. 20:19-23, Аъм. 1:6-8*

+ 24:37 Мат. 14:26, Марқ. 6:49

+ 24:39 1 Юҳ. 1:1

+ 24:41 Юҳ. 21:5

+ 24:45 Аъм. 16:14

+ 24:46 Луқ. 24:27

+ 24:48 Аъм. 1:8

+ 24:49 Юҳ. 14:26, Аъм. 1:8, Аъм. 1:4, Аъм. 2:4

● 24:50 *Марқ. 16:19-20, Аъм. 1:9-11*

+ 24:50 Мат. 21:17, Луқ. 19:29, Юҳ. 11:18, Аъм. 1:9

+ 24:52 Мат. 28:9

+ 24:53 Аъм. 2:46, Аъм. 3:1, Аъм. 5:21

# ИНҶИЛИ ЮҲАННО

1 2 3 4 5 6 7 8 9 10
11 12 13 14 15 16 17 18 19 20
21

## Каломи абадӣ ба ҷисм мубаддал шуд.

# 1

1 Дар ибтидо Калом буд, ва Калом бо Худо буд, ва Калом Худо
буд+.
2 Он дар ибтидо бо Худо буд.
3 Ҳама чиз ба воситаи Ӯ ба вуҷуд омад, ва ҳар он чи вуҷуд ёфт, бе Ӯ
вуҷуд наёфт+.
4 Дар Ӯ ҳаёт буд, ва ҳаёт нури одамиён буд+.
5 Ва нур дар торикӣ медурахшид, ва торикӣ онро фаро нагирифт.
6 Шахсе аз ҷониби Худо фиристода шуда буд, ки Яҳьё ном дошт+.
7 Вай барои шоҳидӣ омад, ки бар Нур шаҳодат диҳад, то ки ҳама ба
воситаи вай имон оваранд+.
8 Вай он Нур набуд, балки омад, ки бар Нур шаҳодат диҳад.

## Исо — Нури ҳақиқӣ.

9 Он Нури ҳақиқӣ, ки ҳар одамро мунаввар мегардонад, ба ҷаҳон
омаданӣ буд+.
10 Ӯ дар ҷаҳон буд, ва ҷаҳон ба воситаи Ӯ ба вуҷуд омад, ва ҷаҳон
Ӯро нашиноҳт.
11 Ӯ назди мансубони Худ омад, ва мансубонаш Ӯро қабул
накарданд+.
12 Лекин ба онҳое ки Ӯро қабул карданд ва ба исми Ӯ имон
оварданд, қудрат дод, ки фарзандони Худо гарданд,+
13 Ки на аз хун, на аз хоҳиши ҷисм, на аз хоҳиши марде, балки аз
Худо таваллуд ёфтаанд+.
14 Ва Калом ҷисм гардид ва дар миёни мо сокин шуд, пур аз файз
ва ростӣ; ва мо ҷалоли Ӯро дидем, ки ҷалоли шоистаи Писари ягонаи
Падар аст+.

## Шаҳодати Яҳьёи Таъмиддиҳанда дар бораи худаш.

15 Ва Яҳьё бар Ӯ шаҳодат дод, ва нидо карда, мегуфт: «Ин аст Он ки
дар бораи Ӯ гуфтам: „Он ки пас аз ман меояд, пеш аз ман будааст,
зеро ки бар ман муқаддам буд“»+.
16 Ва аз пуррагии Ӯ ҳамаи мо файз бар файз пайдо кардем;
17 Зеро ки шариат ба воситаи Мусо ато шуд, аммо файз ва ростӣ ба
воситаи Исои Масеҳ омад+.

18 Худоро ҳаргиз касе надидааст; Писари ягонае ки дар оғӯши
Падар аст, Ӯро зоҳир кард+.

19 •Ва ин аст шаҳодати Яҳьё дар вақте ки яҳудиён аз Ерусалим
коҳинон ва левизодагонро фиристоданд, то аз вай пурсанд, ки: «Ту
кистӣ?»
20 Вай иқрор кард ва инкор накард, балки эътироф намуда, гуфт:
«Ман Масеҳ нестам»+.
21 Аз вай пурсиданд: «Пас кистӣ? Оё Ильёс ҳастӣ?» Гуфт: «Не». «Оё
он набӣ ҳастӣ?» Ҷавоб дод: «Не»+.
22 Он гоҳ ба вай гуфтанд: «Пас кистӣ? То ба он касоне ки моро
фиристодаанд, ҷавоб диҳем: дар бораи худ чӣ мегӯӣ?»
23 Гуфт: «Ман овози нидокунанде дар биёбонам: „роҳи Худовандро
рост кунед“, чунон ки Ишаъёи набӣ гуфтааст»+.
24 Он фиристодагон аз фарисиён буданд;
25 Ва онҳо аз вай пурсиданд: «Агар ту на Масеҳ ҳастӣ, на Ильёс ва
на он набӣ, пас барои чӣ таъмид медиҳӣ?»
26 Яҳьё дар ҷавоби онҳо гуфт: «Ман бо об таъмид медиҳам; лекин
дар миёни шумо Касе истодааст, ки шумо Ӯро намешиносед:
27 Ӯ Он аст, ки пас аз ман меояд, аммо пеш аз ман будааст; ва ман
сазовори он нестам, ки даволи пойафзоли Ӯро воз кунам».
28 Ин дар Байт-Абора, ки он тарафи Урдун аст, дар ҷое ки Яҳьё
таъмид медод, воқеъ шуд.

## Шаҳодати Таъмиддиҳанда дар бораи Барраи Худо.

## Таъмиди Исо.

29 Фардои он, Яҳьё Исоро дид, ки ба ҷониби вай меояд, ва гуфт:
«Инак Барраи Худо, ки гуноҳи ҷаҳонро мебардорад;+
30 Ин аст Он ки ман дар бораи Ӯ гуфтам, ки: „Пас аз ман Марде
меояд, ки пеш аз ман будааст, зеро ки Ӯ бар ман муқаддам буд“;
31 Ман Ӯро намешинохтам; лекин барои он ки Ӯ ба Исроил зоҳир
гардад, омадам ва бо об таъмид медодам»+.
32 Ва Яҳьё шаҳодат дода, гуфт: «Ман Рӯҳро дидам, ки чун кабӯтаре
аз осмон нозил шуда, бар Ӯ қарор гирифт;+
33 Ман Ӯро намешинохтам; лекин Он ки маро фиристод, то бо об
таъмид диҳам, ба ман гуфт: „Бар ҳар кас бубинӣ, ки Рӯҳ нозил шуда,

бар Ӯ қарор гирифт, Ӯ Ҳамон аст, ки бо Рӯҳулқудс таъмид
медиҳад“+.
34 Ва ман дида, шаҳодат додам, ки Ӯ Писари Худост».

## Исо ва шогирдони аввалин.

35 Фардои он, боз Яҳьё бо ду шогирди худ истода буд+.
36 Чун дид, ки Исо аз он ҷо мегузарад, гуфт: «Инак Барраи Худо»+.
37 Он ду шогирд суханони вайро шунида, аз паи Исо равона
шуданд.
38 Исо ба ақиб нигоҳ карда, дид, ки онҳо меоянд, гуфт: «Чӣ
меҳоҳед?» Ба Ӯ гуфтанд: «Раббӣ», яъне: «эй Устод, дар куҷо
истиқомат дорӣ?»+
39 Ӯ гуфт: «Биёед ва бубинед». Онҳо омаданд ва диданд, ки дар
куҷо истиқомат дорад, ва он рӯз назди Ӯ бимонданд. Тақрибан соати
даҳум* буд.
40 Яке аз он ду нафар, ки суҳанони Яҳьёро шунида, аз паи Ӯ омада
буданд, Андриёс, бародари Шимъӯни Петрус буд+.
41 Вай аввал бародари худ Шимъӯнро ёфта, гуфт: «Мо Масеҳро,
яъне Христосро ёфтем»+.
42 Вайро назди Исо овард. Исо ба вай нигариста, гуфт: «Ту Шимъӯн,
писари Юнус ҳастӣ; акнун номат Кифо ҳоҳад шуд, ки маънояш
Петрус аст»+.
43 Фардои ин, Исо ҳост ба Ҷалил равад, ва Филиппусро ёфта, гуфт:
«Аз ақиби Ман биё».
44 Филиппус аз Байт-Сайдо, ҳамшаҳрии Андриёс ва Петрус буд+.
45 Филиппус Натанъилро ёфта, гуфт: «Мо Он касеро, ки Мусо дар
бораи Ӯ дар Таврот навиштааст, ва анбиё зикр кардаанд, ёфтаем, ки
Исо, писари Юсуф, аз Носира аст»+.
46 Вале Натанъил ба вай гуфт: «Магар мумкин аст, ки аз Носира
чизи некӯе пайдо шавад?» Филиппус ба вай гуфт: «Биё ва бубин».
47 Исо чун дид, ки Натанъил сӯи Ӯ меояд, дар бораи вай гуфт:
«Инак, исроилии ҳақиқӣ, ки дар вай макре нест»+.
48 Натанъил ба Ӯ гуфт: «Маро аз куҷо мешиносӣ?» Исо дар ҷавоби
вай гуфт: «Пеш аз он ки Филиппус туро даъват кунад, ҳангоме ки дар
зери дарахти анҷир будӣ, Ман туро дидам».

[49] Натанъил дар ҷавоби Ӯ гуфт: «Эй Устод! Ту Писари Худоӣ, Ту
Подшоҳи Исроил ҳастӣ»+.
[50] Исо дар ҷавоби вай гуфт: «Ту имон овардӣ, зеро ба ту гуфтам,
ки: „Ман туро дар зери дарахти анҷир дидам“; чизҳои бузургтар аз
ин хоҳӣ дид».
[51] Ва ба вай гуфт: «Ба ростӣ, ба ростӣ ба шумо мегӯям: минбаъд
осмонро кушода ва фариштагони Худоро, ки бар Писари Одам сууд ва
нузул мекунанд, хоҳед дид»+.

## Тӯи арӯсӣ дар Қонои Ҷалил ва мӯъҷизаи аввалин.

**2** 1 Дар рӯзи сеюм дар Қонои Ҷалил тӯи арӯсӣ буд, ва модари Исо дар он ҷо буд+.
2 Исо ва шогирдонашро низ ба тӯй даъват карда буданд.
3 Чун шароб камӣ кард, модари Исо ба Ӯ гуфт: «Шароб надоранд».
4 Исо ба вай гуфт: «Туро бо Ман чӣ кор аст, эй зан? Соати Ман ҳанӯз нарасидааст»+.
5 Модараш ба хизматгорон гуфт: «Ҳар чи Ӯ ба шумо гӯяд, ба ҷо оваред».
6 Дар он ҷо, мувофиқи оини татҳири яҳудиён, шаш кӯзаи сангин истода буд, ки гунҷоиши ҳар яке ду ё се бат* буд+.
7 Исо ба онҳо гуфт: «Зарфҳоро аз об пур кунед». Ва онҳоро лабрез карданд.
8 Ва гуфт: «Акнун кашида, ба сардори базм баред». Ва онхо burданд.
9 Чун сардор оби ба шароб мубаддалшударо чашид ва надонист, ки аз куҷост, зеро фақат хизматгороне ки обро кашида буданд, медонистанд, ва сардор домодро хонда,
10 Ба вай гуфт: «Ҳар кас аввал шароби хубро медиҳад, ва чун маст шуданд, бадашро меоварад, лекин ту шароби хубро то ҳол нигоҳ доштаӣ».
11 Ин ибтидои мӯъҷизоте буд, ки Исо дар Қонои Ҷалил нишон дода, ҷалоли Худро зоҳир кард, ва шогирдонаш ба Ӯ имон оварданд.
12 Пас аз он Ӯ бо модараш, бародаронаш ва шогирдонаш ба Кафарнаҳум омад, ва дар он ҷо айёми каме монданд+.

## Фисҳи аввалин ва пок кардани маъбад.

13 •Ва чун иди фисҳи яҳудиён наздик буд, Исо ба Ерусалим рафт+.
14 Ва дид, ки дар маъбад фурӯшандагони гову гӯсфанду кабӯтар ва саррофон нишастаанд.
15 Ва тозиёнае аз арғамчин сохта, ҳамаро бо гову гӯсфандон аз маъбад пеш кард, ва тангаҳои саррофонро пошида, мизҳошонро чаппа кард;
16 Ва ба кафтарфурӯшон гуфт: «Инҳоро аз ин ҷо гирифта баред ва хонаи Падари Маро хонаи савдогарӣ насозед»+.

17 Ва шогирдони Ӯ ба хотир оварданд, ки навишта шудааст: «Рашки
хонаи Ту Маро хӯрдааст»+.
18 Он гоҳ яҳудиён ба Ӯ рӯ оварда, гуфтанд: «Ба мо чӣ аломате
нишон медиҳӣ, ки ин корҳоро мекунӣ?»+
19 Исо дар ҷавоби онҳо гуфт: «Ин маъбадро вайрон кунед, ва дар се
рӯз Ман онро барпо хоҳам кард»+.
20 Яҳудиён гуфтанд: «Ин маъбадро дар зарфи чилу шаш сол бино
кардаанд, ва Ту онро дар се рӯз барпо мекунӣ?»
21 Лекин Ӯ дар бораи маъбади Бадани Худ сухан мегуфт.
22 Вақте ки Ӯ аз мурдагон эҳьё шуд, шогирдонаш ба хотир
оварданд, ки Ӯ инро ба онҳо гуфта буд, ва ба Навиштаҳо ва ба сухане
ки Исо гуфта буд, имон оварданд+.
23 Ва ҳангоме ки дар иди фисҳ дар Ерусалим буд, бисьёр касон
мӯъҷизотеро, ки Ӯ нишон медод, дида, ба исми Ӯ имон оварданд+.
24 Лекин Исо ба онҳо эътимод накард, зеро ки ҳамаро мешинохт,
25 Ва эҳтиёҷ надошт, ки касе дар бораи инсон шаҳодат диҳад, зеро
ки он чи дар инсон аст, Худ медонист.

## Мусоҳибаи Исо бо Ниқӯдимус.

**3** 1 Дар байни фарисиён шахсе ки Ниқӯдимус ном дошт, аз сардорони яҳудиён буд+.

2 Вай шабона назди Исо омада, гуфт: «Эй Устод! Мо медонем, ки Ту Устоде ҳастӣ, ки аз ҷониби Худо омадаӣ; зеро мӯъҷизотеро, ки Ту нишон медиҳӣ, ҳеҷ кас наметавонад нишон диҳад, ҷуз ин ки Худо бо вай бошад».

3 Исо дар ҷавоби вай гуфт: «Ба ростӣ, ба ростӣ ба ту мегӯям: кас агар аз олами боло таваллуд наёбад, Малакути Худоро дида наметавонад».

4 Ниқӯдимус ба Ӯ гуфт: «Чӣ гуна мумкин аст, ки одаме ки пир шуда бошад, таваллуд ёбад? Оё метавонад боз ба шиками модараш баргашта, таваллуд ёбад?»

5 Исо ҷавоб дод: «Ба ростӣ, ба ростӣ ба ту мегӯям: кас агар аз об ва Рӯҳ таваллуд наёбад, ба Малакути Худо даромада наметавонад:+

6 Он чи аз ҷисм таваллуд меёбад, ҷисм аст, ва он чи аз Рӯҳ таваллуд меёбад, рӯҳ аст.

7 Аз он чи ба ту гуфтам, тааҷҷуб накун: бояд шумо аз олами боло таваллуд ёбед.

8 Бод ҳар ҷо ки хоҳад мевазад, ту овози онро мешунавӣ, лекин намедонӣ, ки аз куҷо меояд ва ба куҷо меравад: чунин аст ҳолати ҳар кӣ аз Рӯҳ таваллуд ёфта бошад».

9 Ниқӯдимус дар ҷавоби Ӯ гуфт: «Чӣ тавр мумкин аст, ки чунин шавад?»

10 Исо дар ҷавоби вай гуфт: «Ту ки як устоди Исроил ҳастӣ, инҳоро намедонӣ?

11 Ба ростӣ, ба ростӣ ба ту мегӯям: Мо аз он чи медонем, сухан мегӯем ва бар он чи дидаем, шаҳодат медиҳем, лекин шумо шаҳодати Моро қабул намекунед;

12 Вақте ки ба шумо аз чизҳои заминӣ сухан гуфтам, бовар накардед, пас ҳар гоҳ аз чизҳои осмонӣ сухан ронам, чӣ сон имон хоҳед овард?

13 Ҳеҷ кас ба осмон сууд накардааст, магар фақат Он ки аз осмон нузул кардааст, яъне Писари Одам, ки ҷояш дар осмон аст;+

[14] Ва чунон ки Мусо дар биёбон морро боло бардошт, Писари Одам
низ бояд ончунон боло бурда шавад,+
[15] То ҳар кӣ ба Ӯ имон оварад, талаф нашавад, балки ҳаёти
ҷовидонӣ ёбад.
[16] Зеро Худо ҷаҳонро чунон дӯст дошт, ки Писари ягонаи Худро
дод, то ҳар кӣ ба Ӯ имон оварад, талаф нашавад, балки ҳаёти
ҷовидонӣ ёбад+.
[17] Зеро Худо Писари Худро ба ҷаҳон барои он нафиристод, ки бар
ҷаҳон доварӣ кунад, балки барои он ки ҷаҳон ба воситаи Ӯ наҷот
ёбад+.
[18] Ҳар кӣ ба Ӯ имон оварад, маҳкум намешавад, лекин ҳар кӣ имон
наоварад, аллакай маҳкум шудааст, чунки ба исми Писари ягонаи
Худо имон наовардааст+.
[19] Ва ҳукм ин аст, ки нур ба ҷаҳон омад; вале мардум торикиро
бештар аз рӯшноӣ дӯст доштанд, чунки аъмоли онҳо бад аст+.
[20] Зеро ҳар киро кирдор бад бошад, аз рӯшноӣ нафрат дорад ва
пеши рӯшноӣ намеояд, то ки аъмолаш ошкор нашавад;+
[21] Лекин ҳар кӣ росткор аст, пеши рӯшноӣ меояд, то ошкор бошад,
ки аъмолаш ба василаи Худо содир шудааст».

## Шаҳодати охирини Яҳъёи Таъмиддиҳанда.

[22] Пас аз он Исо бо шогирдонаш ба сарзамини Яҳудо омад ва дар он
ҷо бо онҳо сокин шуда, таъмид медод+.
[23] Ва Яҳъё низ дар Энӯн, ки дар наздикии Солим аст, таъмид
медод, чунки дар он ҷо об бисьёр буд, ва мардум омада, таъмид
меёфтанд;
[24] Зеро ки Яҳъё ҳанӯз дар зиндон андохта нашуда буд+.
[25] Ва дар байни шогирдони Яҳъё ва яҳудиён дар масъалаи татҳир
баҳсу мунозира рӯй дод;+
[26] Ва назди Яҳъё омада, ба вай гуфтанд: «Эй устод! Он Касе ки дар
он тарафи Урдун бо ту буд, ва ту дар ҳаққи Ӯ шаҳодат дода будӣ, ҳоло
таъмид медиҳад, ва ҳама назди Ӯ меоянд»+.
[27] Яҳъё дар ҷавоб гуфт: «Кас наметавонад чизе ба зиммаи худ
бигирад, магар ин ки аз осмон ба вай дода шавад+.
[28] Шумо худ шоҳидони ман ҳастед, ки гуфтам: „Ман Масеҳ нестам,
балки фақат пешопеши Ӯ фиристода шудаам“+.

29 Касе ки арӯс дорад, домод аст; аммо дӯсти домод, ки истода, ба
овози вай гӯш медиҳад, аз шунидани овози домод бисьёр шод
мегардад: ҳамин шодии ман акнун комил шудааст;+
30 Ӯ бояд нашъунамо ёбад, ва ман завол ёбам.
31 Он ки аз боло меояд, аз ҳама болотар аст; ва он ки аз замин аст,
заминӣ бошад ва чун заминӣ сухан гӯяд; Он ки аз осмон меояд, аз
ҳама болотар аст.
32 Ва он чи дидааст ва шунидааст, бар он шаҳодат медиҳад, ва ҳеҷ
кас шаҳодати Ӯро қабул намекунад.
33 Ва касе ки шаҳодати Ӯро қабул кард, тасдиқ кардааст, ки Худо
рост аст+.
34 Зеро Он Касе ки Худо фиристод, каломи Худоро мегӯяд; зеро
Худо Рӯҳро бамизон ато намекунад.
35 Падар Писарро дӯст медорад ва ҳама чизро ба дасти Ӯ додааст+.
36 Ҳар кӣ ба Писар имон оварад, ҳаёти ҷовидонӣ меёбад. Ва ҳар кӣ
ба Писар имон наоварад, ҳаётро нахоҳад дид, балки ғазаби Худо бар
вай мемонад»+.

## Исо ва зани сомарӣ.

**4** 1 Чун Исои Худованд дарьёфт, ки ба гӯши фарисиён овозае расидааст, ки Ӯ, назар ба Яҳьё, бештар шогирд пайдо мекунад ва таъмид медиҳад, —

2 Гарчанде ки Худи Исо не, балки шогирдонаш таъмид медоданд, —+

3 Яҳудоро тарк карда, боз ба Ҷалил рафт+.

4 Ва Ӯро лозим буд аз Сомария гузашта равад+.

5 Пас ба яке аз шаҳрҳои Сомария омад, ки Суҳар ном дошта, дар наздикии қитъаи замине буд, ки Яъқуб ба писари худ Юсуф дода буд;+

## Мусоҳибаи Исо бо зани сомарӣ.

6 Ва дар он ҷо чоҳи Яъқуб буд, ва Исо аз сафар монда шуда, бар сари он чоҳ нишаст, ва тақрибан соати шашум буд,

7 Ки зане аз сомариён барои об кашидан омад. Исо ба вай гуфт: «Ба Ман барои нӯшидан об деҳ».

8 Зеро ки шогирдонаш барои харидани хӯрок ба шаҳр рафта буданд.

9 Зани сомарӣ ба Ӯ гуфт: «Чӣ тавр Ту, ки яҳудӣ ҳастӣ, аз ман об мехоҳӣ, дар сурате ки ман зани сомариам? Зеро ки яҳудиён бо сомариён муошират надоранд».

10 Исо дар ҷавоби вай гуфт: «Агар атои Худоро медонистӣ, ва кист, ки ба ту мегӯяд: „Ба Ман барои нӯшидан об деҳ“, холо худат аз Ӯ хоҳиш мекардӣ, ва Ӯ ба ту оби ҳаёт медод»+.

11 Зан ба Ӯ гуфт: «Эй оғо! Ту зарфе надорӣ, ки об кашӣ, ва ҷоҳ чукур аст: пас, аз куҷо оби ҳаёт дорӣ?

12 Магар Ту аз падари мо Яъқуб бузургтар ҳастӣ, ки ин чоҳро ба мо дод, ва худаш ва фарзандонаш ва чорвояш аз он менӯшиданд?»

13 Исо дар ҷавоби вай гуфт: «Ҳар кӣ аз ин об нӯшад, боз ташна монад;

14 Лекин ҳар кӣ аз обе ки Ман ба вай медиҳам, нӯшад, абадан ташна намонад, балки обе ки Ман ба вай медиҳам, дар вай чашмаи обе гардад, ки то ҳаёти ҷовидонӣ меҷӯшад»+.

15 Зан ба Ӯ гуфт: «Эй оғо! Ба ман аз он об деҳ, то ки дигар ташна
намонам ва ба ин ҷо барои об кашидан наоям».
16 Исо ба вай гуфт: «Бирав ва шавҳаратро бихон ва ба ин ҷо биё».
17 Зан дар ҷавоб гуфт: «Ман шавҳар надорам». Исо ба вай гуфт: «Ту
рост гуфтӣ, ки шавҳар надорӣ;
18 Зеро ки панҷ шавҳар доштӣ, ва касе ки алҳол дорӣ, шавҳари ту
нест; ин суханат рост аст».
19 Зан ба Ӯ гуфт: «Эй оғо! Мебинам, ки Ту набӣ ҳастӣ;+
20 Падарони мо дар болои ин кӯҳ парастиш мекарданд, вале шумо
мегӯед, ки ҷое ки дар он бояд парастиш кард, дар Ерусалим
мебошад»+.
21 Исо ба вай гуфт: «Эй зан! Ба Ман бовар кун, соате мерасад, ки на
дар болои ин кӯҳ ва на дар Ерусалим Падарро парастиш хоҳед кард;
22 Шумо он чиро, ки намедонед, парастиш мекунед, вале мо он
чиро, ки медонем, парастиш мекунем, зеро ки наҷот аз яҳудиён аст;+
23 Лекин соате мерасад, ва аллакай расидааст, ки парастандагони
ҳақиқӣ Падарро ба рӯҳ ва ростӣ парастиш хоҳанд кард, зеро ки Падар
толиби ин гуна парастандагони Худ мебошад:+
24 Худо рӯҳ аст, ва онҳое ки Ӯро парастиш мекунанд, бояд ба рӯҳ ва
ростӣ парастиш кунанд»+.
25 Зан ба Ӯ гуфт: «Медонам, ки Христос, яъне Масеҳ меояд: чун Ӯ
ояд, аз ҳар чиз ба мо хабар хоҳад дод»+.
26 Исо ба вай гуфт: «Ман, ки бо ту сухан мегӯям, Ҳамонам»+.
27 Дар ҳамин вақт шогирдонаш омада, тааҷҷуб карданд, ки Ӯ бо
зане гуфтугӯ мекунад; лекин ҳеҷ кас нагуфт, ки: «Чӣ металабӣ?» ё ки:
«Барои чӣ бо вай ҳарф мезанӣ?»
28 Зан кӯзаи худро монда, ба шаҳр рафт ва ба мардум гуфт:
29 «Биёед ва Касеро бубинед, ки ҳар он чи кардаам, ба ман гуфт; оё
Ӯ Масеҳ нест?»
30 Онҳо аз шаҳр берун шуда, назди Ӯ меомаданд.

## Киштзори Худо барои дарав пухтааст.

31 Дар ин миён шогирдон аз Ӯ илтимос карда, гуфтанд: «Эй Устод!
Бихӯр!»
32 Ба онҳо гуфт: «Ман ғизое дорам, ки бихӯрам, ва шумо онро
намедонед».

33 Шогирдон ба якдигар гуфтанд: «Магар касе ба Ӯ хӯрданӣ
овардааст?»
34 Исо ба онҳо гуфт: «Ғизои Ман он аст, ки иродаи Фиристандаи
Худро ба ҷо оварам ва кори Ӯро ба анҷом расонам+.
35 „Оё шумо намегӯед, ки боз чор моҳ мондааст, ва дарав фаро
хоҳад расид“? Инак, Ман ба шумо мегӯям: чашмони худро боло
карда, киштзорро бубинед, ки барои дарав сафед шудааст+.
36 Даравгар музди худро мегирад ва маҳсулеро барои ҳаёти
ҷовидонӣ ҷамъ мекунад, то ки коранда ва даравгар бо ҳам шодӣ
кунанд;+
37 Зеро ки дар ин мавриd чунин сухан ҳаққонист, ки: „Яке мекорад
ва дигаре дарав мекунад“.
38 Ман шуморо барои даравидани маҳсуле фиристодам, ки барои
он шумо меҳнат накардаед: дигарон меҳнат кардаанд, ва шумо дар
меҳнати онҳо дохил шудаед».
39 Ва аз рӯи каломи он зан, ки шаҳодат дода буд: «Ҳар он чи
кардаам, Ӯ ба ман гуфт», аз он шаҳр бисьёр сомариён ба Ӯ имон
оварданд.
40 Бинобар ин, чун сомариён пеши Ӯ омаданд, аз Ӯ хоҳиш карданд,
ки назди онҳо бимонад; ва Ӯ ду рӯз назди онҳо монд.
41 Ва боз бисьёре аз рӯи каломи Ӯ имон оварданд.
42 Ва ба он зан гуфтанд: «Пас аз ин имони мо аз рӯи сухани ту нест,
зеро ки худамон шунидем ва донистем, ки Ӯ дар ҳақиқат
Наҷотдиҳандаи олам аст, яъне Масеҳ аст»+.
43 Пас аз ду рӯз Ӯ аз он ҷо берун омада, ба Ҷалил равона шуд;
44 Зеро Худи Исо шаҳодат додааст, ки пайғамбар дар зодгоҳи худ
беқадр аст+.
45 Чун Ӯ ба Ҷалил омад, аҳли Ҷалил Ӯро пазируфтанд, зеро ҳар он
чи дар Ерусалим дар ид карда буд, дида буданд, чунки онҳо низ ба ид
рафта буданд+.

## Шифо ёфтани писари дарборӣ.

46 Ва Исо бори дигар ба Қонои Ҷалил омад, ки дар он ҷо обро
шароб гардонда буд. Ва шахсе аз дарбориён буд, ки писараш дар
Кафарнаҳум бемор буд+.

47 Чун шунид, ки Исо аз Яҳудо ба Ҷалил омадааст, назди Ӯ рафта,
илтимос кард, ки омада, писарашро шифо диҳад, ки вай дар дами
марг аст.
48 Исо ба вай гуфт: «Агар аломот ва мӯъҷизот набинед, имон
намеоваред»+.
49 Дарборӣ ба Ӯ гуфт: «Эй оғо! Пеш аз он ки писарам бимирад,
биё».
50 Исо ба вай гуфт: «Бирав, ки писарат зинда аст». Вай ба сухане ки
Исо гуфт, имон оварда, равона шуд.
51 Ва ҳангоме ки мерафт, навкаронаш вайро пешвоз гирифтанд ва
мужда дода, гуфтанд: «Писарат зинда аст».
52 Аз онҳо пурсид: «Дар кадом соат аҳволаш беҳтар шуд?» Ба вай
гуфтанд: «Дирӯз дар соати ҳафтум табларза вайро тарк кард».
53 Ва падар донист, ки ин ҳамон соате буд, ки Исо ба вай гуфт:
«Писарат зинда аст». Ва худаш ва тамоми аҳли байташ имон
оварданд+.
54 Ин мӯъҷизаи дуюм буд, ки Исо баъд аз омаданаш аз Яҳудо ба
Ҷалил нишон дод+.

## Шифо додан дар рӯзи шанбе назди ҳавзи Байт-Ҳасдо.

**5** 1 Пас аз он яҳудиёнро иде буд, ва Исо ба Ерусалим омад.
2 Дар Ерусалим дар назди дарвозаи Меш ҳавзе ҳаст, ки ба
иброни Байт-Ҳасдо мегӯянд, ва он панҷ равоқ дорад:+
3 Дар он ҷо шумораи зиёди беморон, кӯрон, лангон ва шалон
хобида, мунтазири ҳаракати об буданд;
4 Зеро фариштаи Худо вақт-вақт ба ҳавз фуромада, обро ҳаракат
медод, ва ҳар кӣ дар аснои ҳаракати об аввал ба ҳавз дарояд, аз ҳар
касалие ки дошт, шифо меёфт.
5 Ва касе дар он ҷо буд, ки сию ҳашт сол боз гирифтори беморӣ
буд.
6 Чун Исо вайро хобида дид ва донист, ки муддати дарозе бемор
аст, ба вай гуфт: «Оё мехоҳӣ шифо ёбӣ?»
7 Бемор ҷавоб дод: «Эй оғо! Касе надорам, ки чун об ба ҳаракат
ояд, маро дар ҳавз андозад; пеш аз он ки ман оям, дигаре худро дар
ҳавз меандозад».
8 Исо ба вай гуфт: «Бархез, бистаратро бардор ва бирав»+.
9 Ҳамон дам бемор шифо ёфт ва бистарашро бардошта, ба роҳ
даромад. Он рӯз рӯзи шанбе буд.
10 Яҳудиён ба касе ки шифо ёфта буд, гуфтанд: «Имрӯз шанбе аст,
ва ҷоиз нест, ки бистари худро бардорӣ»+.
11 Вай дар ҷавоби онҳо гуфт: «Он Кас, ки маро шифо дод, ба ман
гуфт: „Бистаратро бардор ва бирав“».
12 Аз вай пурсиданд: «Кист Он Кас, ки ба ту гуфт: „Бистаратро
бардор ва бирав“?»
13 Лекин он ки шифо ёфта буд, намедонист, ки Ӯ кист; зеро ки дар
он ҷо издиҳоми калоне буд, ва Исо нопадид шуда рафт.
14 Пас аз он Исо вайро дар маъбад ёфта, гуфт: «Инак, шифо ёфтаӣ;
дигар гуноҳе накун, то ки ба вазъияти бадтаре дучор нашавӣ».
15 Он мард рафта, ба яҳудиён гуфт, ки шифодиҳандаи ман Исо
мебошад.
16 Аз ин сабаб яҳудиён Исоро таъқиб мекарданд ва Ӯро мехостанд
ба қатл расонанд, зеро ки ин корро дар рӯзи шанбе карда буд+.

## Исо аъмоли Худро ҳимоят мекунад ва аз ҷониби Падар фиристода шуданашро далел меоварад.

17 Исо дар ҷавоби онҳо гуфт: «Падари Ман то кунун кор мекунад,
ва Ман низ кор мекунам».
18 Аз ин сабаб бештар қасд карданд, ки Ӯро ба қатл расонанд, зеро
ки на танҳо шанберо риоят намекард, балки Худоро низ Падари Худ
гуфта, Худро бо Худо баробар медонист+.
19 Исо дар ҷавоби онҳо гуфт: «Ба ростӣ, ба ростӣ ба шумо мегӯям:
Писар наметавонад аз Худ чизе ба амал оварад, магар он чи бубинад,
ки Падар ба амал меоварад: зеро ки он чи Ӯ мекунад, Писар низ
мекунад.
20 Зеро ки Падар Писарро дӯст медорад ва ҳар он чи Худаш
мекунад, ба Писар нишон медиҳад; ва корҳои бузургтар аз ин ҳам ба
Ӯ нишон хоҳад дод, то ки шумо тааҷҷуб намоед+.
21 Зеро, ҳамчунон ки Падар мурдагонро эҳьё мекунад ва зинда
мегардонад, Писар низ ончунон ҳар киро, ки хоҳад, зинда
мегардонад+.
22 Зеро ки Падар бар ҳеҷ кас доварӣ намекунад, балки тамоми
довариро ба Писар супурдааст,+
23 То ки ҳама Писарро эҳтиром кунанд, ончунон ки Падарро
эҳтиром мекунанд. Касе ки Писарро эҳтиром накунад, Падарро, ки
Фиристандаи Ӯст, эҳтиром накардааст+.
24 Ба ростӣ, ба ростӣ ба шумо мегӯям: ҳар кӣ каломи Маро
бишнавад ва ба Фиристандаи Ман имон оварад, ҳаёти ҷовидонӣ
дорад ва ба доварӣ намеояд, балки аз марг ба ҳаёт гузаштааст+.
25 Ба ростӣ, ба ростӣ ба шумо мегӯям: соате мерасад, ва аллакай
расидааст, ки мурдагон овози Писари Худоро мешунаванд, ва ҳар кӣ
бишнавад, зинда гардад+.
26 Зеро, ҳамчунон ки Падар дар Худ ҳаёт дорад, ба Писар низ
ончунон ато кардааст, ки дар Худ ҳаёт дошта бошад;+
27 Ва ба Ӯ қудрат бахшидааст, ки доварӣ кунад, зеро ки Ӯ Писари
Одам аст+.

## Қиёмати ҳаёт ва қиёмати доварӣ.

[28] Ва аз ин тааҷҷуб накунед: зеро соате мерасад, ки ҳамаи онҳое ки дар қабр мебошанд, овози Ӯро хоҳанд шунид,+
[29] Ва берун хоҳанд омад — некӯкорон барои қиёмати ҳаёт ва бадкорон барои қиёмати доварӣ+.
[30] Ман аз Худ чизе ба амал оварда наметавонам. Ончунон ки мешунавам, доварӣ мекунам, ва доварии Ман одил аст, зеро ки толиби иродаи Худ не, балки иродаи Падаре ҳастам, ки Маро фиристодааст+.

## Шоҳиди Исо дар бораи фиристода шудани Ӯ аз ҷониби Падар.

[31] Агар Ман бар Худ шаҳодат диҳам, шаҳодати Ман рост нест:+
[32] Дигаре ҳаст, ки бар Ман шаҳодат медиҳад, ва Ман медонам, ки шаҳодате ки вай бар Ман медиҳад, рост аст;
[33] Шумо назди Яҳьё фиристодед; вай ба ростӣ шаҳодат дод+.
[34] Аммо Ман шаҳодати одамро қабул намекунам, вале ин суханонро мегӯям, то ки шумо наҷот ёбед.
[35] Вай чароғе буд, ки месӯхт ва медурахшид; ва шумо хостед, ки соате ба нури вай шодӣ кунед+.
[36] Лекин Ман шаҳодате дорам, ки аз шаҳодати Яҳьё бузургтар аст: зеро корҳое ки Падар ба Ман ато кардааст, то анҷом диҳам, яъне ин корҳое ки Ман мекунам, бар Ман шаҳодат медиҳанд, ки Падар Маро фиристодааст+.
[37] Ва Худи Падар, ки Маро фиристод, бар Ман шаҳодат додааст, ва шумо ҳаргиз на овози Ӯро шунидаед ва на сурати Ӯро дидаед,
[38] Ва каломи Ӯ дар дилҳои шумо ҷой надорад, чунки шумо ба Он Касе ки Ӯ фиристодааст, имон намеоваред.
[39] Шумо Навиштаҳоро тадқиқ мекунед, зеро гумон доред, ки ба воситаи онҳо ҳаёти ҷовидонӣ пайдо мекунед, вале онҳо бар Ман шаҳодат медиҳанд+.
[40] Ва шумо намехоҳед назди Ман биёед, то ки ҳаёт ёбед.
[41] Ҷалолро аз мардум қабул намекунам+.
[42] Лекин шуморо мешиносам: дар дили худ муҳаббати Худоро надоред.
[43] Ман ба исми Падари Худ омадаам, ва Маро қабул намекунед, ва агар дигаре ба исми худаш биёяд, вайро қабул хоҳед кард+.

44 Шумо чӣ тавр метавонед имон оваред, дар сурате ки ҷалол аз
якдигар металабед, лекин ҷалолеро, ки аз Худои ягона аст, толиб
нестед+?
45 Гумон накунед, ки Ман назди Падар бар шумо даъвое хоҳам
кард: даъвогар бар шумо Мусо мебошад, ки ба вай умед бастаед.
46 Зеро ки агар шумо ба Мусо имон медоштед, ба Ман ҳам имон
меовардед, чунки вай дар бораи Ман навиштааст+.
47 Модоме ки шумо ба навиштаҳои вай имон надоред, ба суханони
Ман чӣ гуна имон хоҳед овард?»

## Сер шудани панҷ ҳазор мард.

6 [1] •Пас аз он Исо ба он тарафи баҳри Ҷалил, ё баҳри Табария
раҳсипор шуд;
[2] Ва мардуми бисьёре аз ақиби Ӯ равона шуданд, зеро он
мӯъҷизотеро, ки ба беморон нишон медод, медиданд.
[3] Исо ба кӯҳе баромада, бо шогирдони Худ дар он ҷо нишаст.
[4] Иди фисҳи яҳудиён наздик буд+.
[5] Исо чашм андохта, дид, ки мардуми бисьёре назди Ӯ меоянд, ва
ба Филиппус гуфт: «Аз куҷо нон бихарем, ки инҳо бихӯранд?»+
[6] Лекин инро барои озмоиш ба вай гуфт; зеро Худ медонист, чӣ
бояд кард.
[7] Филиппус дар ҷавоби Ӯ гуфт: «Дусад динор барои онҳо кифоят
намекунад, то ки ҳар яке андаке нон бихӯранд».
[8] Яке аз шогирдонаш, Андриёс, бародари Шимъӯни Петрус, ба Ӯ
гуфт:+
[9] «Дар ин ҷо писаре ҳаст, ки панҷ нони ҷав ва ду моҳӣ дорад;
лекин барои ин қадар одам чӣ мешавад?»
[10] Исо гуфт: «Мардумро шинонед». Дар он ҷо сабза бисьёр буд, ва
мардум, ки қариб панҷ ҳазор мард буданд, нишастанд.
[11] Исо нонҳоро гирифта, баракат дод ва пора карда, ба шогирдон
дод, ва шогирдон ба нишастагон доданд, ва ҳамчунин аз моҳиҳо низ
ба қадре ки хостанд+.
[12] Ва чун сер шуданд, Исо ба шогирдон гуфт: «Пораҳои
боқимондаро ҷамъ кунед, то ки чизе талаф нашавад».
[13] Ва ҷамъ карда, аз пораҳои панҷ нони ҷав, ки аз хӯрандагон
зиёдатӣ монда буд, дувоздаҳ сабадро пур карданд.
[14] Вақте ки мардум ин мӯъҷизаро, ки Исо нишон дод, диданд,
гуфтанд: «Ин ҳақиқатан Он Пайғамбар аст, ки бояд ба ҷаҳон биёяд»+.

## Исо бар баҳр қадам мезанад.

[15] Лекин Исо чун дарьёфт, ки мехоҳанд омада, Ӯро ба зӯрӣ баранд
ва подшоҳ кунанд, боз танҳо ба кӯҳ баромад.
[16] •Шомгоҳон шогирдонаш ба лаби баҳр фуромаданд

[17] Ва ба каиқе савор шуда, ба он тарафи баҳр, сӯи Кафарнаҳум
равона шуданд. Ва ҳаво торик шуд, ва Исо назди онҳо наомада буд.
[18] Ва боди шадиде вазида, баҳр ба талотум омад.
[19] Вақте ки ба дурии тақрибан бисту панҷ ё сӣ стадия қаиқ ронда
буданд, Исоро диданд, ки бар баҳр қадам зада, ба қаиқ наздик меояд,
ва ҳаросон шуданд.
[20] Лекин Ӯ ба онҳо гуфт: «Ин Манам, натарсед».
[21] Онҳо мехостанд Ӯро ба қаик дароваранд; ҳамон дам қаиқ ба
соҳиле ки сӯи он равона буданд, расид.

## Исо — нони ҳаёт.

[22] Фардои он, мардуме ки дар он тарафи баҳр истода буданд,
диданд, ки дар он ҷо ҳеҷ қаиқе набуд, ҷуз он ки шогирдони Ӯ дохили
он шуда буданд, ва Исо бо шогирдони Худ ба он надаромада буд,
балки шогирдонаш танҳо рафта буданд;
[23] Лекин қаиқҳои дигаре аз Табария наздики ҳамон ҷое ки пас аз
баракат додани Худованд нон хӯрда буданд, расиданд;
[24] Ва чун мардум диданд, ки Исо ва шогирдонаш дар он ҷо нестанд,
онҳо низ ба қаиқҳо савор шуда, ба ҷустуҷӯи Исо ба Кафарнаҳум
омаданд.
[25] Ва Ӯро дар он тарафи баҳр ёфта, ба Ӯ гуфтанд: «Эй Устод! Кай ба
ин ҷо омадӣ?»
[26] Исо дар ҷавоби онҳо гуфт: «Ба ростӣ, ба ростӣ ба шумо мегӯям:
Маро на ба сабаби мӯъҷизоте ки дидед, балки ба он сабаб ҷустуҷӯ
мекунед, ки нон хӯрда, сер шудед.
[27] На аз барои ғизои фонӣ, балки барои ғизое саъю кӯшиш кунед,
ки то ҳаёти ҷовидонӣ боқӣ мемонад, ва Писари Одам онро ба шумо
хоҳад дод; зеро ки Худои Падар бар Ӯ мӯҳр задааст»+.
[28] Ба Ӯ гуфтанд: «Чӣ бояд кунем, ки аъмоли писандидаи Худоро ба
ҷо оварда бошем?»
[29] Исо дар ҷавоби онҳо гуфт: «Амали писандидаи Худо ин аст, ки
ба Он Касе ки Ӯ фиристод, имон оваред»+.
[30] Ба Ӯ гуфтанд: «Пас, чӣ аломате Ту нишон медиҳӣ, то ки дида, ба
Ту имон оварем? Чӣ кор мекунӣ+?
[31] Падарони мо дар биёбон манн хӯрдаанд, чунон ки навишта
шудааст: „Аз осмон ба онҳо нон ато кард, то бихӯранд“»+.

32 Исо ба онҳо гуфт: «Ба ростӣ, ба ростӣ ба шумо мегӯям: Мусо
нонро ба шумо аз осмон надодааст, балки Падари Ман нони ҳақиқиро
ба шумо аз осмон медиҳад;
33 Зеро нони Худо Он Касест, ки аз осмон нозил шуда, ба ҷаҳон
ҳаёт мебахшад».
34 Он гоҳ ба Ӯ гуфтанд: «Эй оғо! Ҳамеша ин нонро ба мо бидеҳ»+.
35 Исо ба онҳо гуфт: «Ман нони ҳаёт ҳастам; касе ки назди Ман ояд,
ҳаргиз гурусна нахоҳад монд, ва касе ки ба Ман имон оварад, ҳаргиз
ташна нахоҳад монд+.
36 Лекин Ман ба шумо гуфтам, ки Маро низ дидаед, ва имон
намеоваред.
37 Ҳар он чи Падар ба Ман ато кунад, назди Ман хоҳад омад, ва ҳар
кӣ назди Ман ояд, бадар нахоҳам ронд+.
38 Зеро аз осмон нозил шудаам на аз барои он ки ба иродаи Худ
амал кунам, балки ба иродаи Фиристандаи Худ+.
39 Ва иродаи Падаре ки Маро фиристод, ин аст, ки аз он чи ба Ман
ато кард, чизе талаф накунам, балки дар рӯзи вопасин онро эҳьё
кунам;+
40 Ва иродаи Фиристандаи Ман ин аст, ки ҳар кӣ Писарро дид ва ба
Ӯ имон оварад, ҳаёти ҷовидонӣ дошта бошад; ва Ман дар рӯзи вопасин
вайро эҳьё хоҳам кард»+.
41 Яҳудиён аз Ӯ шикоят карданд, зеро ки гуфта буд: «Манам он
ноне ки аз осмон нозил шуд».
42 Ва гуфтанд: «Оё ин Исои писари Юсуф нест, ки мо падару
модари Ӯро мешиносем? Пас чӣ тавр мегӯяд, ки „Ман аз осмон нозил
шудаам“?»+
43 Исо дар ҷавоби онҳо гуфт: «Ба якдигар шикоят накунед:
44 Ҳеҷ кас наметавонад назди Ман ояд, магар ин ки Падаре ки
Маро фиристод, вайро ҷалб кунад; ва Ман вайро дар рӯзи вопасин
эҳьё хоҳам кард+.
45 Дар суҳафи анбиё навишта шудааст: „Ва ҳама аз Худо таълим
хоҳанд ёфт“. Ва ҳар кӣ аз Падар шунида ва таълим гирифта бошад,
назди Ман меояд+.
46 На ин ки касе Падарро дидааст, ҷуз Он ки аз ҷониби Худост: Ӯ
Падарро дидааст+.

47 Ба ростӣ, ба ростӣ ба шумо мегӯям: ҳар кӣ ба Ман имон оварад,
ҳаёти ҷовидонӣ дорад.
48 Ман нони ҳаёт ҳастам.
49 Падарони шумо дар биёбон манн хӯрданд ва мурданд;
50 Валекин ин ҷо нонест, ки аз осмон нозил шуд, то ҳар кӣ аз он
бихӯрад, намирад.
51 Ман ҳастам он нони зинда, ки аз осмон нозил шуд: касе ки аз ин
нон бихӯрад, то абад зинда хоҳад монд; ва ноне ки Ман ато мекунам,
Бадани Ман аст, ки онро барои ҳаёти ҷаҳон мебахшам»+.
52 Яҳудиён бо ҳамдигар мубоҳиса карда, мегуфтанд: «Чӣ тавр Ин
Шахс метавонад Бадани Худро бидиҳад, то мо бихӯрем?»
53 Исо ба онҳо гуфт: «Ба ростӣ, ба ростӣ ба шумо мегӯям: агар
Бадани Писари Одамро нахӯред ва Хуни Ӯро нанӯшед, дар худ ҳаёт
надоред;+
54 Ҳар кӣ Бадани Маро бихӯрад ва Хуни Маро бинӯшад, ҳаёти
ҷовидонӣ дорад, ва Ман дар рӯзи вопасин вайро эҳьё хоҳам кард;
55 Зеро ки Бадани Ман ғизои ҳақиқист, ва Хуни Ман нӯшокии
ҳақиқист;
56 Ҳар кӣ Бадани Маро бихӯрад ва Хуни Маро бинӯшад, дар Ман
мемонад, ва Ман дар вай;+
57 Чунон ки Падари Ҳай Маро фиристод, ва Ман ба василаи Падар
зинда ҳастам, ҳамчунин касе ки Маро бихӯрад, ба василаи Ман зинда
хоҳад монд;
58 Ин аст ноне ки аз осмон нозил шуд; наончунон ки падарони
шумо маннро хӯрданд ва мурданд; ҳар кӣ ин нонро бихӯрад, то абад
зинда хоҳад монд».
59 Ин суханонро, ҳангоме ки дар Кафарнаҳум таълим медод, дар
куништ гуфт.

## Ҷудоӣ дар миёни шогирдон.

60 Бисьёре аз шогирдони Ӯ, инро шунида, гуфтанд: «Ин сухани
сахт аст; кӣ метавонад онро бишнавад?»
61 Чун Исо дар дили Худ донист, ки шогирдонаш дар ин бобат
шикоят мекунанд, ба онҳо гуфт: «Оё ин шуморо ба васваса
меандозад?

[62] Пас агар Писари Одамро бинед, ки ба мақоми аввалааш суud
мекунад, чӣ хоҳед гуфт+?
[63] Рӯҳ аст, ки ҳаёт мебахшад, лекин аз ҷисм фоидае нест; суханоне
ки Ман ба шумо мегӯям, рӯҳ ва ҳаёт аст;+
[64] Лекин баъзе аз шумо ҳастанд, ки имон надоранд». Зеро Исо аз
ибтидо медонист, ки киҳо имон надоранд ва кӣ Ӯро таслим хоҳад
кард+.
[65] Ва гуфт: «Аз ин сабаб ба шумо гуфтам, ки ҳеҷ кас наметавонад
назди Ман биёяд, магар ин ки Падари Ман инро ба вай ато кунад».
[66] Аз он вақт бисьёре аз шогирдонаш аз Ӯ дур шуда, дигар Ӯро
пайравӣ накарданд.

## Эътирофи Петрус.

## Яҳудо — таслимкунанда.

[67] Ва Исо ба он дувоздаҳ гуфт: «Оё шумо ҳам мехоҳед Маро тарк
кунед?»
[68] Шимъӯни Петрус дар ҷавоби Ӯ гуфт: «Худовандо! Назди кӣ
биравем? Суханони ҳаёти ҷовидонӣ назди Туст,
[69] Ва мо имон овардаем ва донистаем, ки Ту Масеҳ, Писари Худои
Ҳай ҳастӣ»+.
[70] Исо дар ҷавоби онҳо гуфт: «Оё Ман шумо дувоздаҳро интихоб
накардаам? Ва ҳол он ки яке аз шумо иблис аст»+.
[71] Инро Ӯ дар бораи Яҳудо писари Шимъӯни Исқарьют гуфт, зеро
вай, ки яке аз он дувоздаҳ буд, мехост Ӯро таслим кунад+.

## Бародарон Исоро ба иди хаймаҳо таклиф мекунанд.

**7** 1 Пас аз он Исо дар Ҷалил мегашт, зеро намехост дар Яҳудо
бошад, чунки яҳудиён қасди куштани Ӯ доштанд+.
2 Ва иди яҳудиён, ки иди хаймаҳо бошад, наздик буд+.
3 Пас бародаронаш ба Ӯ гуфтанд: «Ин ҷоро тарк карда, ба Яҳудо
равона шав, то ки шогирдонат низ он аъмолеро, ки Ту ба ҷо меоварӣ,
бубинанд;+
4 Зеро касе ки мехоҳад машҳур шавад, дар пинҳонӣ амал
намекунад; агар Ту чунин аъмолро ба ҷо меоварӣ, Худро ба ҷаҳон
бинамо».
5 Зеро бародаронаш низ ба Ӯ имон наоварда буданд.
6 Исо ба онҳо гуфт: «Вақти Ман ҳанӯз нарасидааст, лекин барои
шумо ҳар вақт муносиб аст;+
7 Ҷаҳон наметавонад ба шумо адоват дошта бошад, лекин ба Ман
адоват дорад, чунки Ман бар он шаҳодат медиҳам, ки аъмолаш бад
аст;+
8 Шумо ба ин ид биравед, аммо Ман ҳоло ба ин ид намеравам,
чунки вақти Ман ҳанӯз пур нашудааст».
9 Инро ба онҳо гуфта, дар Ҷалил монд.

## Исо Ҷалилро тарк мекунад.

10 Вақте ки бародаронаш ба ид омаданд, Ӯ низ омад, на ошкоро,
балки пинҳонӣ.
11 Аммо яҳудиён Ӯро дар ид ҷустуҷӯ намуда, мегуфтанд, ки: «Ӯ
куҷост?»
12 Ва дар миёни мардум дар бораи Ӯ гуфтугӯи бисьёре буд.
Баъзеҳо мегуфтанд: «Ӯ некӯст», аммо дигарон мегуфтанд: «Не, Ӯ
мардумро гумроҳ мекунад».
13 Лекин, аз тарси яҳудиён, ҳеҷ кас дар бораи Ӯ ошкоро сухан
намегуфт+.

## Исо дар иди хаймаҳо.

14 Чун нисфи ид гузашт, Исо ба маъбад омада, таълим дод.
15 Ва яҳудиён дар ҳайрат афтода, гуфтанд: «Ин Шахс Навиштаҳоро
чӣ гуна медонад, дар сурате ки ҳаргиз таълим наёфтааст?»

16 Исо дар ҷавоби онҳо гуфт: «Таълими Ман аз они Ман нест, балки аз они Фиристандаи Ман аст;+

17 Агар касе хоҳад иродаи Ӯро ба амал оварад, дар бораи ин таълим хоҳад донист, ки оё он аз Худост, ё ки Ман аз Худ сухан мегӯям.

18 Ҳар кӣ аз худ сухан гӯяд, ҷалоли худро меҷӯяд; вале ҳар кӣ ҷалоли Фиристандаи Худро меҷӯяд, Ӯ ҳақиқист, ва дар Ӯ норостӣ нест+.

19 Оё Мусо ба шумо шариатро надод? Ва касе аз шумо аз рӯи шариат амал намекунад. Чаро мехоҳед Маро бикушед?»+

20 Мардум дар ҷавоб гуфтанд: «Ту дев дорӣ. Кӣ мехоҳад Туро бикушад?»+

21 Исо дар ҷавоби онҳо гуфт: «Як кор кардам, ва ҳамаи шумо дар ҳайрат мондед;

22 Мусо ба шумо хатнаро дод, ки он на аз Мусо, балки аз падарон буд, ва шумо писарони худро дар рӯзи шанбе хатна мекунед.

23 Модоме ки писаронро дар рӯзи шанбе хатна мекунанд, то ки шариати Мусо вайрон нашавад, пас чаро бар Ман хашмгин мешавед, ки дар рӯзи шанбе касеро шифои комил додаам+?

24 Аз рӯи намуди зоҳирӣ доварӣ накунед, балки аз рӯи адолат доварӣ кунед»+.

25 Он гоҳ баъзе аз аҳли Ерусалим гуфтанд: «Оё ин Ҳамон Касе нест, ки Ӯро мехоҳанд бикушанд?

26 Инак, Ӯ ошкоро сухан мегӯяд, ва ба Ӯ чизе намегӯянд: оё сардорон яқин донистаанд, ки Ӯ дар ҳақиқат Масеҳ аст?

27 Лекин мо медонем, ки Ин Шахс аз куҷост, аммо чун Масеҳ ояд, касе нахоҳад донист, ки Ӯ аз куҷост»+.

28 Ва Исо, вақте ки дар маъбад таълим медод, нидо карда, гуфт: «Маро мешиносед, ва низ медонед, ки Ман аз куҷо ҳастам; ва Ман аз Худ наомадаам, вале Фиристандаи Ман ҳақиқист, ки шумо Ӯро намешиносед;

29 Аммо Ман Ӯро мешиносам, чунки ман аз ҷониби Ӯ ҳастам, ва Ӯ Маро фиристодааст»+.

30 Он гоҳ хостанд Ӯро дастгир кунанд, вале касе даст бар Ӯ наандохт, чунки ҳанӯз соаташ нарасида буд+.

[31] Лекин бисьёре аз мардум ба Ӯ имон оварданд ва гуфтанд: «Чун
Масеҳ ояд, наход ки аз Ин Шахс бештар аломот нишон хоҳад дод?»+
[32] Ва фарисиён шуниданд, ки мардум дар бораи Ӯ чунин мегӯянд,
пас фарисиён ва саркоҳинон мулозимонро фиристоданд, то ки Ӯро
дастгир кунанд.
[33] Ва Исо гуфт: «Боз муддати каме Ман назди шумо ҳастам, пас аз
он назди Фиристандаи Худ меравам;+
[34] Шумо Маро хоҳед ҷуст ва нахоҳед ёфт; ва ба он ҷое ки Ман
ҳастам, наметавонед биёед»+.
[35] Ва яҳудиён ба якдигар гуфтанд: «Ӯ ба куҷо мехоҳад биравад, ки
мо Ӯро ёфта натавонем? Оё мехоҳад назди онҳое биравад, ки дар
байни юнониён пароканда ҳастанд, ва юнониёнро таълим диҳад?
[36] Чист маънои суханоне ки Ӯ гуфт: „Маро хоҳед ҷуст ва нахоҳед
ёфт; ва ба он ҷое ки Ман ҳастам, наметавонед биёед“?»

## Исо дар бораи қуввати Рӯҳулқудс сухан меронад.

[37] Ва дар рӯзи охир, ки рӯзи бузурги ид буд, Исо истода, нидо кард
ва гуфт: «Ҳар кӣ ташна бошад, назди Ман биёяд ва бинӯшад+.
[38] Ҳар кӣ ба Ман имон оварад, чунон ки дар Навиштаҳо гуфта
шудааст, аз батни вай наҳрҳои оби ҳаёт ҷорӣ хоҳад шуд»+.
[39] Ин суханро Ӯ дар бораи Рӯҳ гуфт, ки ҳар кӣ ба Ӯ имон оварад,
Онро хоҳад ёфт; зеро ки Рӯҳулқудс ҳанӯз ато нашуда буд, чунки Исо
ҳанӯз ҷалол наёфта буд+.

## Фикрҳои дигар-дигари яҳудиён дар бораи Исо.

[40] Бисьёре аз мардум ин суханро шунида, гуфтанд: «Дар ҳақиқат
Ин Шахс ҳамон Пайғамбар аст»+.
[41] Баъзеҳо гуфтанд: «Ин Масеҳ аст». Лекин дигарон гуфтанд:
«Магар Масеҳ аз Ҷалил меояд?
[42] Оё дар Навиштаҳо гуфта нашудааст, ки Масеҳ аз насли Довуд ва
аз Байт-Лаҳм, ки деҳи Довуд буд, бояд ояд?»+
[43] Ба ҳамин тариқ, дар бораи Ӯ дар байни мардум ихтилоф
афтод+.
[44] Баъзе аз онҳо хостанд Ӯро дастгир кунанд, лекин касе ба Ӯ даст
наандохт.

45 Пас мулозимон назди саркоҳинон ва фарисиён баргаштанд, ва
онҳо пурсиданд: «Чаро Ӯро наовардед?»
46 Мулозимон ҷавоб доданд: «Касе ҳаргиз монанди Ин Шахс сухан
нагуфтааст».
47 Фарисиён ба онҳо гуфтанд: «Оё шумо низ гумроҳ шудаед?
48 Оё касе аз сардорон ё аз фарисиён ба Ӯ имон овардааст+?
49 Аммо ин мардуме ки шариатро намедонанд, малъун
мебошанд».
50 Ниқӯдимус, ки шабона назди Ӯ омада буд ва яке аз онҳо буд, ба
онҳо гуфт:+
51 «Оё шариати мо касеро маҳкум менамояд бе он ки аввал
суханашро бишнавад ва бидонад, ки вай чӣ кор кардааст?»+
52 Онҳо дар ҷавоби вай гуфтанд: «Магар ту низ ҷалилӣ ҳастӣ?
Таҳқиқ кун ва бубин, зеро ки ҳеҷ пайғамбаре аз Ҷалил зуҳур
накардааст»+.
53 Пас ҳар кас ба хонаи худ рафт.

## Исо зани гуноҳкорро афв менамояд.

**8**

1 Лекин Исо ба кӯҳи Зайтун рафт,

2 Ва бомдодон боз ба маъбад омад, ва тамоми мардум назди Ӯ омаданд; ва Ӯ нишаста, онҳоро таълим медод.

3 Дар ин вақт китобдонон ва фарисиён занеро, ки дар амали зино дастгир шуда буд, назди Ӯ оварданд, ва дар миёна ба по ниҳода,

4 Ба Ӯ гуфтанд: «Устод! Ин зан дар амали зино дастгир шуд;

5 Ва Мусо дар шариат ба мо гуфтааст, ки чунин занон бояд сангсор шаванд: аммо Ту чӣ мегӯӣ?»+

6 Инро барои озмоиш ба Ӯ гуфтанд, то ки далеле ёфта, Ӯро айбдор кунанд. Лекин Исо хам шуда, бо ангушташ бар рӯи замин чизе менавишт+.

7 Чун дар савол исрор намуданд, Ӯ рост шуда, ба онҳо гуфт: «Он ки аз шумо бегуноҳ аст, аввалин касе бошад, ки ба вай санг андозад»+.

8 Ва боз хам шуда, бар замин навиштан гирифт.

9 Чун шуниданд, виҷдонашон нороҳат шуд, ва аз пирон сар карда, то каси охирин паси якдигар баромада рафтанд; ва Исо танҳо монд, ва зан дар миёна ба по меистод.

10 Исо чун рост шуд ва ғайр аз зан ҳеҷ касро надид, ба вай гуфт: «Эй зан! Даъвогарони ту куҷо шуданд? Оё касе туро маҳкум накард?»

11 Зан гуфт: «Ҳеҷ касе, эй оғо!» Исо ба вай гуфт: «Ман низ туро маҳкум намекунам; бирав ва дигар гуноҳ накун»+.

## Исо — Нури ҷаҳон.

12 Ва Исо боз ба мардум гуфт: «Ман нури ҷаҳон ҳастам; ҳар кӣ Маро пайравӣ кунад, дар торикӣ роҳ напаймояд, балки нури ҳаётро ёбад»+.

13 Он гоҳ фарисиён ба Ӯ гуфтанд: «Ту бар Худ шаҳодат медиҳӣ, шаҳодати Ту рост нест»+.

14 Исо дар ҷавоби онҳо гуфт: «Гарчанде ки Ман бар Худ шаҳодат медиҳам, шаҳодати Ман рост аст, зеро Ман медонам, ки аз куҷо омадаам ва ба куҷо меравам; лекин шумо намедонед, ки Ман аз куҷо омадаам ва ба куҷо меравам;+

15 Шумо аз рӯи ҷисм доварӣ мекунед, вале Ман ҳеҷ касро доварӣ намекунам;+

16 Ва агар Ман доварӣ кунам, доварии Ман рост аст, чунки Ман
танҳо нестам, балки Падаре ки Маро фиристод, бо Ман аст;+
17 Ва низ дар шариати шумо навишта шудааст, ки шаҳодати ду кас
рост аст;+
18 Ман бар Худ шаҳодат медиҳам, ва низ Падаре ки Маро
фиристод, бар Ман шаҳодат медиҳад»+.
19 Ба Ӯ гуфтанд: «Падари Ту куҷост?» Исо ҷавоб дод: «Шумо на
Маро мешиносед ва на Падари Маро; агар Маро мешинохтед, Падари
Маро низ мешинохтед»+.
20 Ин суханонро Исо назди ганҷина, ҳангоме ки дар маъбад
таълим медод, гуфт; ва ҳеҷ кас Ӯро дастгир накард, чунки соати Ӯ
ҳанӯз нарасида буд+.

## Исо дар бораи назди Падар рафтани Худ шаҳодат медиҳад.

21 Боз Исо ба онҳо гуфт: «Ман меравам, ва шумо Маро хоҳед ҷуст,
ва дар гуноҳи худ хоҳед мурд; ба он ҷое ки Ман меравам, шумо
наметавонед биёед»+.
22 Яҳудиён гуфтанд: «Наход ки Ӯ мехоҳад Худро бикушад, ки
мегӯяд: „Ба он ҷое ки Ман меравам, шумо наметавонед биёед“?»
23 Ба онҳо гуфт: «Шумо аз поин мебошед, Ман аз боло; шумо аз ин
ҷаҳон ҳастед, лекин Ман аз ин ҷаҳон нестам;+
24 Аз ин сабаб ба шумо гуфтам, ки дар гуноҳҳои худ хоҳед мурд;
зеро агар имон наоваред, ки ин Ман ҳастам, дар гуноҳҳои худ хоҳед
мурд».
25 Ба Ӯ гуфтанд: «Ту кистӣ?» Исо ба онҳо гуфт: «Ҳамонам, ки аз
аввал ҳам ба шумо гуфтам;
26 Ман чизҳои бисьёр дорам, ки дар ҳаққи шумо бигӯям ва доварӣ
кунам; лекин Фиристандаи Ман ҳақиқист, ва Ман ҳар чи аз Ӯ
шунидаам, ба ҷаҳон мегӯям»+.
27 Онҳо нафаҳмиданд, ки Ӯ ба онҳо дар бораи Падар сухан мегӯяд.
28 Исо ба онҳо гуфт: «Вақте ки Писари Одамро баланд бардоштед,
хоҳед фаҳмид, ки ин Ман ҳастам, ва ҳеҷ амалро аз Худам намекунам,
балки он чиро, ки Падарам ба Ман таълим дод, мегӯям;+
29 Фиристандаи Ман бо Ман аст; Падар Маро танҳо нагузоштааст,
зеро ки Ман ҳамеша аъмоли писандидаи Ӯро ба ҷо меоварам»+.
30 Чун инро гуфт, бисьёр касон ба Ӯ имон оварданд+.

## Дар бораи озодии ҳақиқӣ.

[31] Он гоҳ Исо ба яҳудиёне ки ба Ӯ имон оварданд, гуфт: «Агар
шумо дар каломи Ман бимонед, ҳақиқатан шогирдони Ман хоҳед
буд,
[32] Ва ростиро хоҳед шинохт, ва ростӣ шуморо озод хоҳад кард»+.
[33] Ба Ӯ ҷавоб доданд: «Мо фарзандони Иброҳим ҳастем ва ҳеҷ гоҳ
ғуломи касе набудем; пас чӣ сон Ту мегӯӣ, ки „озод хоҳед шуд“?»+
[34] Исо дар ҷавоби онҳо гуфт: «Ба ростӣ, ба ростӣ ба шумо мегӯям:
ҳар кӣ гуноҳ мекунад, ғуломи гуноҳ аст;+
[35] Лекин ғулом ҳамеша дар хона намемонад: писар ҳамеша
мемонад;+
[36] Пас, агар Писар шуморо озод кунад, ҳақиқатан озод хоҳед буд;

## Дар бораи душманони ростӣ.

[37] Медонам, ки фарзандони Иброҳим ҳастед; лекин мехоҳед Маро
бикушед, чунки каломи Ман дар шумо намегунҷад;+
[38] Ман он чи назди Падари Худ дидаам, мегӯям; ва шумо он чи
назди падари худ дидаед, мекунед».
[39] Онҳо дар ҷавоби Ӯ гуфтанд: «Падари мо Иброҳим аст». Исо ба
онҳо гуфт: «Агар фарзандони Иброҳим мебудед, аъмоли Иброҳимро
ба ҷо меовардед;+
[40] Валекин ҳоло мехоҳед Маро бикушед, ва Ман Шахсе ҳастам, ки
ростиро, ончунон ки аз Худо шунидаам, ба шумо мегӯям: Иброҳим
чунин коре накардааст.
[41] Шумо аъмоли падари худро мекунед». Ба Ӯ гуфтанд: «Мо аз зино
таваллуд наёфтаем; мо як Падар дорем, ки Худо бошад»+.
[42] Исо ба онҳо гуфт: «Агар Худо Падари шумо мебуд, Маро дӯст
медоштед, чунки Ман аз ҷониби Худо баромада, назди шумо
омадаам; зеро ки Ман ба иродаи Худ наомадаам, балки Ӯ Маро
фиристод.
[43] Чаро каломи Маро намефаҳмед? Чунки каломи Маро
наметавонед бишнавед+.
[44] Падари шумо иблис аст, ва шумо мехоҳед орзуҳои падари худро
ба амал оваред; вай аз ибтидо қотил буд ва дар ростӣ собит намонд,
зеро ки дар вай ростӣ нест; вақте ки вай сухани дурӯғ мегӯяд, аз они
худро мегӯяд, зеро ки вай дурӯғгӯй ва падари дурӯғ аст+.

45 Лекин азбаски Ман сухани ростро ба шумо мегӯям, ба Ман имон
намеоваред.

## Сирри шахсияти Исо.

46 Кист аз шумо, ки Маро ба гуноҳе таъна зада тавонад? Пас агар
Ман сухани ростро гӯям, чаро ба Ман имон намеоваред?
47 Касе ки аз Худо бошад, ба каломи Худо гӯш медиҳад; шумо ба он
сабаб гӯш намедиҳед, ки аз Худо нестед».
48 Он гоҳ яҳудиён дар ҷавоби Ӯ гуфтанд: «Оё дуруст нагуфтем, ки
Ту сомарӣ ҳастӣ ва дев дорӣ?»+
49 Исо ҷавоб дод: «Ман дев надорам, балки Падари Худро ҳурмат
мекунам, вале шумо ба Ман беҳурматӣ мекунед;+
50 Ман ҷалоли Худро толиб нестам: Яке ҳаст, ки Толиб ва Довар
мебошад;+
51 Ба ростӣ, ба ростӣ ба шумо мегӯям: касе ки каломи Маро риоя
кунад, то абад маргро нахоҳад дид»+.
52 Яҳудиён ба Ӯ гуфтанд: «Акнун донистем, ки Ту дев дорӣ;
Иброҳим ва анбиё мурданд, вале Ту мегӯӣ: „Касе ки каломи Маро
риоя кунад, то абад зоиқаи маргро нахоҳад чашид“.
53 Оё Ту аз падари мо Иброҳим, ки мурд, ва аз анбиё, ки низ
мурданд, бузургтар ҳастӣ? Ту Худро кӣ медонӣ?»
54 Исо ҷавоб дод: «Агар Ман Худро ҷалол диҳам, ҷалоли Ман ҳеҷ
чизе набошад: Маро Падари Ман ҷалол мебахшад, ки дар ҳаққи Ӯ
шумо мегӯед: „Ӯ Худои мост“;+
55 Ва Ӯро нашинохтаед, лекин Ман Ӯро мешиносам; ва агар
бигӯям, ки Ӯро намешиносам, мисли шумо дурӯғгӯй мешавам; лекин
Ман Ӯро мешиносам ва каломи Ӯро риоя мекунам;+
56 Падари шумо Иброҳим шод буд, ки рӯзи Маро бубинад: ва дид ва
шод гардид»+.
57 Яҳудиён ба Ӯ гуфтанд: «Ҳанӯз панҷоҳсола ҳам нестӣ, ва Ту
Иброҳимро дидаӣ?»
58 Исо ба онҳо гуфт: «Ба ростӣ, ба ростӣ ба шумо мегӯям: пеш аз он
ки Иброҳим пайдо шуд, Ман ҳастам».
59 Он гоҳ санг бардоштанд, то ки Ӯро сангсор кунанд; лекин Исо
пинҳон шуд ва аз миёни онҳо гузашта, аз маъбад берун шуд ва рафт+.

## Шифо ёфтани кӯри модарзод дар рӯзи шанбе.

9 1 Ва чун мерафт, як кӯри модарзодро дид.
2 Ва шогирдонаш аз Ӯ пурсида, гуфтанд: «Эй Устод! Кӣ гуноҳ
кард: ин одам ё падару модараш, ки вай кӯр зоида шуд?»+
3 Исо ҷавоб дод: «На ин одам гуноҳ кард ва на падару модараш,
балки барои он ки дар вай аъмоли Худо ошкор гардад;
4 То вақте ки рӯз аст, Ман бояд аъмоли Фиристандаи Худро ба ҷо
оварам; шаб ки ояд, ҳеҷ кас наметавонад коре бикунад;+
5 То вақте ки Ман дар ҷаҳон ҳастам, нури ҷаҳонам»+.
6 Инро гуфта, оби даҳан бар замин андохт, ва бо он об гил сохт, ва
он гилро ба чашмони кӯр молид,+
7 Ва ба вай гуфт: «Бирав ва дар ҳавзи Шилӯаҳ, ки маънояш
„Фиристода“ мебошад, худро бишӯй». Вай рафта, худро шуст, ва бино
шуда, омад+.
8 Ҳамсоягон ва касоне ки пеш аз он вайро дар ҳолати кӯрӣ дида
буданд, гуфтанд: «Оё ин ҳамон нест, ки нишаста, гадоӣ мекард?»
9 Баъзе гуфтанд: «Ҳамон аст». Ва баъзе гуфтанд: «Фақат ба вай
монанд аст». Вале худи вай гуфт: «Ман ҳамонам».
10 Ба вай гуфтанд: «Пас чӣ тавр чашмони ту воз шуд?»
11 Вай дар ҷавоб гуфт: «Касе ки Исо номида мешавад, гил сохта, ба
чашмонам молид ва гуфт: „Бирав ва дар ҳавзи Шилӯаҳ худро бишӯй“.
Ман рафта, худро шустам ва бино шудам».
12 Ба вай гуфтанд: «Ӯ куҷост?» Гуфт: «Намедонам».
13 Он одамро, ки пештар кӯр буд, назди фарисиён бурданд.
14 Ва он рӯзе ки Исо гил сохта, чашмони вайро воз кард, рӯзи
шанбе буд+.
15 Фарисиён низ аз вай пурсиданд, ки чӣ тавр бино шуд. Ба онҳо
гуфт: «Гил сохта, ба чашмонам гузошт, ва ман худро шуста, бино
шудам».
16 Баъзе аз фарисиён гуфтанд: «Он Шахс аз ҷониби Худо нест,
чунки шанберо нигоҳ намедорад». Дигарон гуфтанд: «Чӣ тавр як
шахси гуноҳкор чунин мӯъҷизот нишон дода метавонад?» Ва дар
байни онҳо ихтилоф афтод+.
17 Боз ба он кӯр гуфтанд: «Дар бораи Ӯ, ки чашмони туро кушод, чӣ
мегӯӣ?» Гуфт: «Пайғамбар аст»+.

18 Яҳудиён бовар накарданд, ки вай кӯр буду бино шуд, то ин ки
падару модари он биношударо даъват намуда,
19 Аз онҳо пурсиданд: «Оё ин аст писари шумо, ки мегӯед: кӯр
зоида шудааст? Пас чӣ тавр вай алҳол бино шудааст?»
20 Падару модари вай дар ҷавоби онҳо гуфтанд: «Мо медонем, ки
ин писари мост, ва кӯр зоида шудааст;
21 Лекин алҳол чӣ тавр бино шудааст, намедонем; ва чашмони
вайро кӣ воз кардааст, намедонем; вай болиғ аст, аз худаш пурсед, то
аҳволи худро баён кунад».
22 Падару модараш чунин гуфтанд, чунки аз яҳудиён метарсиданд;
зеро ки яҳудиён аллакай забон як карда буданд, ки ҳар кӣ Ӯро чун
Масеҳ эътироф намояд, аз куништ биронанд;+
23 Аз ин сабаб падару модараш гуфтанд, ки «вай болиғ аст, аз
худаш пурсед».
24 Он гоҳ бори дигар он одамро, ки кӯр буд, талабида, гуфтанд:
«Худоро сано гӯй; мо медонем, ки Он Шахс гуноҳкор аст»+.
25 Дар ҷавобашон гуфт: «Оё гуноҳкор аст ё не, намедонам; як чизро
медонам, ки кӯр будам ва ҳоло бино ҳастам».
26 Боз ба вай гуфтанд: «Бо ту чӣ кор кард? Чӣ тавр чашмони туро
воз кард?»
27 Ба онҳо ҷавоб дод: «Аллакай ба шумо гуфтам, ва гӯш надодед:
чаро мехоҳед дубора бишнавед? Оё шумо низ мехоҳед шогирдони Ӯ
шавед?»
28 Вайро мазаммат намуда, гуфтанд: «Ту шогирди Ӯ ҳастӣ, мо
шогирдони Мусоем;
29 Мо медонем, ки Худо ба Мусо сухан гуфт; лекин Ин Шахсро
намедонем аз куҷост»+.
30 Он одам дар ҷавоби онҳо гуфт: «Ин аҷиб аст, ки шумо аз куҷо
будани Ӯро намедонед, ва ҳол он ки Ӯ чашмони маро воз кард.
31 Мо медонем, ки Худо дуои гуноҳкоронро намешунавад, лекин
агар касе худотарс бошаду иродаи Ӯро ба ҷо оварад, дуояшро
мешунавад;+
32 Ҳаргиз шунида нашудааст, ки касе чашмони кӯри модарзодро
воз карда бошад;
33 Агар Ӯ аз ҷониби Худо намебуд, ҳеҷ кор карда наметавонист».

34 Дар ҷавоби вай гуфтанд: «Ту, ки комилан дар гуноҳ таваллуд
ёфтаӣ, моро таълим медиҳӣ?» Пас вайро бадар ронданд.
35 Исо чун шунид, ки вайро бадар рондаанд, вайро ёфта, гуфт: «Оё
ту ба Писари Одам имон дорӣ?»
36 Дар ҷавоб гуфт: «Эй оғо, Ӯ кист, то ки ба Ӯ имон оварам?»
37 Исо ба вай гуфт: «Ту Ӯро дидаӣ, ва Ӯ ҳамон аст, ки ҳоло бо ту
гуфтугӯ мекунад»+.
38 Гуфт: «Имон дорам, Худовандо!» Ва ба Ӯ саҷда кард.
39 Ва Исо гуфт: «Ман барои доварӣ ба ин ҷаҳон омадаам, то ки
кӯрон бино ва биноён кӯр шаванд».
40 Баъзе аз фарисиён, ки назди Ӯ буданд, чун шуниданд, ба Ӯ
гуфтанд: «Наход ки мо ҳам кӯр бошем?»+
41 Исо ба онҳо гуфт: «Агар кӯр мебудед, гуноҳ намедоштед; аммо
чун мегӯед, ки бино ҳастед, пас гуноҳи шумо мемонад»+.

## Масал дар бораи чӯпон ва дар бораи каси бегона.

**10** [1] «Ба ростӣ, ба ростӣ ба шумо мегӯям: ҳар кӣ ба оғили
гӯсфанд аз дар надарояд, балки аз роҳи дигар дохил шавад, вай
дузд ва роҳзан аст;
[2] Лекин ҳар кӣ аз дар дарояд, вай чӯпони гӯсфандон аст:
[3] Дарбон дарро барои вай мекушояд, гӯсфандон ба овози вай гӯш
медиҳанд, вай гӯсфандони худро ном ба ном мехонад ва берун
мебарорад;
[4] Чун гӯсфандони худро баровард, пешопеши онҳо меравад; ва
гӯсфандон аз ақиби вай мераванд, чунки овозашро мешиносанд;
[5] Лекин аз ақиби каси бегона намераванд, балки аз вай
мегурезанд, чунки овози бегонаро намешиносанд».
[6] Ҳамин масалро Исо ба онҳо гуфт. Лекин онҳо нафаҳмиданд, ки Ӯ
ба онҳо чӣ гуфт+.

## Исо — дар бораи гӯсфандон.

[7] Боз Исо ба онҳо гуфт: «Ба ростӣ, ба ростӣ ба шумо мегӯям: Ман
барои гӯсфандон дар ҳастам.
[8] Ҳамаи касоне ки пеш аз Ман омаданд, дузд ва роҳзан ҳастанд;
лекин гӯсфандон ба овози онҳо гӯш надоданд.
[9] Ман дар ҳастам: ҳар кӣ ба василаи Ман дохил шавад, наҷот
меёбад, ва ба дарун ва берун меравад, ва чарогоҳ пайдо мекунад+.
[10] Дузд меояд, то ки бидуздад, бикушад ва талаф кунад; Ман
омадаам, то ки онҳо ҳаёт ёбанд ва онро ба фаровонӣ дошта бошанд.

## Исо — чӯпони некдил.

[11] Ман чӯпони некам: чӯпони нек ҷони худро барои гӯсфандон
фидо мекунад;+
[12] Лекин муздуре ки чӯпон нест, ва гӯсфандон аз они худаш
нестанд, чун бубинад, ки гург меояд, гӯсфандонро монда мегурезад,
ва гург гӯсфандонро мегирад ва пароканда мекунад;+
[13] Муздур мегурезад, чунки муздур аст, ва ғами гӯсфандонро
намехӯрад+.
[14] Ман чӯпони некам, ва мансубони Худро мешиносам, ва
мансубонам Маро мешиносанд:

15 Чунон ки Падар Маро мешиносад, Ман ҳам Падарро мешиносам, ва ҷони Худро барои гӯсфандон фидо мекунам+.
16 Ман гӯсфандони дигар низ дорам, ки аз ин оғил нестанд, ва онҳоро низ бояд оварам: онҳо низ овози Маро хоҳанд шунид, ва як рамаю як чӯпон хоҳанд шуд+.
17 Аз ин сабаб Падар Маро дӯст медорад, ки Ман ҷони Худро фидо мекунам, то ки онро боз ёбам;+
18 Ҳеҷ кас онро аз Ман намегирад, балки Худи Ман онро фидо мекунам: қудрат дорам, ки онро фидо кунам, ва қудрат дорам, ки онро боз ёбам; ин ҳукмро аз Падари Худ гирифтаам»+.
19 Ба сабаби ин суханон боз дар байни яҳудиён ихтилоф афтод+.
20 Бисьёре аз онҳо гуфтанд: «Ӯ дев дорад ва девона аст; чаро ба суханонаш гӯш медиҳед?»+
21 Дигарон гуфтанд: «Ин суханони девона нест; оё дев метавонад чашми кӯронро воз кунад?»+

## Исо дар Ерусалим дар иди таҷдид.

## а) Худро Масеҳ эълон мекунад.

22 Дар Ерусалим иди таҷдид барпо шуд, ва зимистон буд.
23 Ва Исо дар маъбад, дар равоқи Сулаймон мегашт+.
24 Яҳудиён гирди Ӯро гирифта, ба Ӯ гуфтанд: «То кай моро дар тардид мегузорӣ? Агар Ту Масеҳ бошӣ, ошкоро бигӯ»+.
25 Исо ба онҳо чавоб дод: «Ман ба шумо гуфтам, ва имон наовардед; аъмоле ки Ман ба исми Падари Худ ба ҷо меоварам, бар Ман шаҳодат медиҳад;+
26 Лекин шумо имон намеоваред, зеро ки аз гӯсфандони Ман нестед, чунон ки ба шумо гуфтам;
27 Гӯсфандони Ман ба овози Ман гӯш медиҳанд, ва Ман онҳоро мешиносам, ва онҳо Маро пайравӣ мекунанд,
28 Ва Ман ба онҳо ҳаёти ҷовидонӣ мебахшам, ва онҳо то абад талаф нахоҳанд шуд, ва ҳеҷ кас наметавонад онҳоро аз дасти Ман кашида гирад;+
29 Падаре ки онҳоро ба Ман дод, аз ҳама бузургтар аст, ва ҳеҷ кас наметавонад онҳоро аз дасти Падари Ман кашида гирад:
30 Ман ва Падар як ҳастем»+.

## б) Адовати яҳудиён.

31 Боз яхудиён санг бардоштанд, то ки Ӯро сангсор кунанд+.
32 Исо ба онҳо ҷавоб дод: «Аз ҷониби Падари Худ ба шумо бисьёр
аъмоли нек нишон додаам; аз барои кадоми онҳо Маро сангсор
мекунед?»
33 Яҳудиён дар ҷавоби Ӯ гуфтанд: «Туро барои амали нек сангсор
намекунем, балки барои куфр, зеро Ту, ки одам ҳастӣ, Худро Худо
мехонӣ»+.
34 Исо ба онҳо ҷавоб дод: «Оё дар шариати шумо навишта
нашудааст: „Ман гуфтам: шумо худоён ҳастед“+?
35 Агар онҳоеро, ки каломи Худо сӯяшон нозил шуд, худоён
хондааст, ва Навишта наметавонад ботил шавад, —
36 Пас ба Касе ки Падар Ӯро тақдис карда, ба ҷаҳон фиристод, чӣ
тавр шумо мегӯед, ки: „Куфр мегӯӣ“, чунки гуфтаам: „Писари Худо
ҳастам“+?
37 Агар аъмоли Падари Худро ба ҷо намеоварам, ба Ман имон
наоваред;
38 Ва агар ба ҷо меоварам, ҳарчанд шумо ба Ман имон намеоваред,
пас ба аъмол имон оваред, то бидонед ва бовар кунед, ки Падар дар
Ман аст, ва Ман дар Ӯ»+.
39 Он гоҳ бори дигар хостанд Ӯро дастгир кунанд; лекин Ӯ аз
дасташон раҳо шуд+.
40 Ва боз ба он тарафи Урдун, ба ҳамон ҷое ки пештар Яҳьё таъмид
медод, рафт ва дар он ҷо монд+.
41 Ва бисьёр касон назди Ӯ омаданд ва гуфтанд: «Яҳьё ҳеҷ
мӯъҷизае нишон надод; лекин ҳар он чи Яҳьё дар бораи Ин Шахс
гуфт, рост буд»+.
42 Ва бисьёр касон дар он ҷо ба Ӯ имон оварданд+.

## Эҳьёи Лаъзор.

11 [1] Шахсе Лаъзор ном бемор буд аз аҳли Байт-Ҳинӣ, ки деҳаи
Марьям ва хоҳараш Марто буд+.
[2] Марьям ҳамон буд, ки Худовандро бо равғани атрафшон тадҳин
карда, пойҳои Ӯро бо мӯи худ хушконид; Лаъзори бемор бародари
вай буд+.
[3] Ва хоҳарон ба Ӯ кас фиристода, гуфтанд: «Худовандо! Инак, он
касе ки дӯст медорӣ, бемор аст».
[4] Чун Исо шунид, гуфт: «Ин касалӣ барои мамот нест, балки барои
ҷалоли Худост, то ки Писари Худо ба василаи он ҷалол ёбад».
[5] Исо Марто ва хоҳари вай ва Лаъзорро дӯст медошт.
[6] Чун шунид, ки вай бемор аст, дар ҷое ки буд, ду рӯз монд.
[7] Пас аз он ба шогирдонаш гуфт: «Боз ба Яҳудо биравем».
[8] Шогирдонаш ба Ӯ гуфтанд: «Эй Устод! Бисьёр нагузаштааст, ки
яҳудиён мехостанд Туро сангсор кунанд, ва Ту мехоҳӣ боз ба он ҷо
биравӣ?»+
[9] Исо ҷавоб дод: «Оё рӯз дувоздаҳ соат нест? Касе ки рӯзона роҳ
меравад, пешпо намехӯрад, чунки нури ин ҷаҳонро мебинад;+
[10] Лекин касе ки шабона роҳ меравад, пешпо мехӯрад, чунки дар
вай нур нест»+.
[11] Инро ба забон ронд ва пас аз он ба онҳо гуфт: «Дӯсти мо Лаъзор
хуфтааст, лекин Ман меравам, то ки вайро бедор кунам»+.
[12] Шогирдонаш гуфтанд: «Худовандо! Агар хуфта бошад, шифо
ҳоҳад ёфт».
[13] Исо дар бораи вафоти вай сухан меронд, лекин онҳо гумон
карданд, ки дар бораи хоби муқаррарӣ сухан меронад.
[14] Он гоҳ Исо ба онҳо ошкоро гуфт: «Лаъзор мурдааст;
[15] Ва барои шумо шодам, ки дар он ҷо набудам, то ки имон оваред;
вале акнун назди вай биравем».
[16] Тумо, ки Экизак номида мешуд, ба шогирдон гуфт: «Биёед мо
ҳам биравем, то ки бо Ӯ бимирем»+.
[17] Чун Исо омад, фаҳмид, ки вай чор рӯз боз дар қабр мебошад.
[18] Байт-Ҳинӣ дар наздикии Ерусалим, ба масофаи тақрибан
понздаҳ стадия воқеъ буд,

19 Ва бисьёре аз яҳудиён назди Марто ва Марьям омада буданд, то
ки барои бародарашон онҳоро тасаллӣ диҳанд.
20 Чун Марто шунид, ки Исо меояд, ба пешвози Ӯ берун рафт;
лекин Марьям дар хона монд.
21 Марто ба Исо гуфт: «Худовандо! Агар дар ин ҷо мебудӣ,
бародарам намемурд.
22 Лекин ҳоло низ медонам, ки ҳар чи аз Худо талаб кунӣ, Худо
онро ба Ту хоҳад дод».
23 Исо ба вай гуфт: «Бародари ту эҳьё хоҳад шуд».
24 Марто ба Ӯ гуфт: «Медонам, ки дар қиёмат, дар рӯзи вопасин
эҳьё хоҳад шуд»+.
25 Исо ба вай гуфт: «Ман қиёмат ва ҳаёт ҳастам; ҳар кӣ ба Ман
имон оварад, агар бимирад ҳам, зинда хоҳад шуд;+
26 Ва ҳар кӣ зинда бошад ва ба Ман имон оварад, то абад наҳоҳад
мурд. Оё ба ин имон дорӣ?»+
27 Ба Ӯ гуфт: «Оре, Худовандо! Ман имон дорам, ки Ту Масеҳ
Писари Худо ҳастӣ, Он Шахс, ки ба ҷаҳон меояд»+.
28 Чун инро гуфт, рафта хоҳари худ Марьямро пинҳонӣ хонд ва
гуфт: «Устод ин ҷост ва туро металабад».
29 Инро шунида, вай зуд бархост ва назди Ӯ омад.
30 Исо ҳанӯз ба деҳа ворид нашуда буд, балки дар ҳамон ҷое буд,
ки Марто Ӯро пешвоз гирифт.
31 Яҳудиёне ки дар хона бо вай буданд ва тасаллӣ медоданд, чун
диданд, ки Марьям зуд бархоста, берун рафт, аз паи вай равона
шуданд, ба гумони он ки ба сари қабр меравад, то ки дар он ҷо гирья
кунад.
32 Чун Марьям ба он ҷое ки Исо буд, омад, Ӯро дида, ба пойҳои Ӯ
афтод ва гуфт: «Агар дар ин ҷо мебудӣ, бародарам намемурд».
33 Исо, вақте ки вайро ашкрезон ва яҳудиёни бо вай омадаро низ
гирьён дид, аз дил оҳи аламноке кашид ва музтариб шуд,
34 Ва гуфт: «Вайро куҷо гузоштаед?» Ба Ӯ гуфтанд: «Худовандо! Биё
ва бубин».
35 Исо гирья кард+.
36 Яҳудиён гуфтанд: «Бингаред, чӣ қадар вайро дӯст медошт!»
37 Баъзе аз онҳо гуфтанд: «Оё Ин Шахс, ки чашмони кӯрро боз кард,
наметавонист амале бикунад, то ки ин ҳам намирад?»+

38 Исо, дар ҳолате ки аз дил оҳ мекашид, ба сари қабр омад; ва он
як ғоре буд, ки санге бар даҳанаш гузошта буданд+.
39 Исо гуфт: «Сангро бардоред». Марто, хоҳари мурда, ба Ӯ гуфт:
«Худовандо! Аллакай бадбуй шудааст; зеро ки чор рӯз боз дар ин
ҷост».
40 Исо ба вай гуфт: «Оё ба ту нагуфтам, ки агар имон оварӣ, ҷалоли
Худоро хоҳӣ дид?»
41 Пас сангро аз он ҷое ки мурда гузошта шуда буд, бардоштанд.
Исо чашмони Худро сӯи осмон боло карда, гуфт: «Эй Падар! Туро
шукр мекунам, ки сухани Маро шунидӣ;+
42 Ва Ман медонистам, ки ҳамеша сухани Маро мешунавӣ; лекин
барои мардуме ки дар ин ҷо истодаанд, гуфтам, то имон оваранд, ки
Ту Маро фиристодаӣ»+.
43 Чун инро гуфт, бо овози баланд нидо кард: «Эй Лаъзор, берун
о!»+
44 Ва мурда, ки дастҳо ва поҳояш ба кафан печида ва рӯяш бо
рӯймоле пӯшида буд, берун омад. Исо ба онҳо гуфт: «Вайро воз кунед
ва бигзоред биравад»+.

45 •Бисьёре аз яҳудиён, ки бо Марьям омада буданд, чун амали
Исоро диданд, ба Ӯ имон оварданд;+
46 Лекин баъзе аз онҳо назди фарисиён рафта, он чи Исо карда буд,
ба онҳо гуфтанд.

## Қарори саркоҳинон ва фарисиён, ки Исоро бикушанд.

47 Саркохинон ва фарисиён дар шӯрои пирон ҷамъ омаданд ва
гуфтанд: «Чӣ бояд кард? Ин Шахс мӯъҷизоти зиёде нишон медиҳад;
48 Агар Ӯро чунин вогузорем, ҳама ба Ӯ имон хоҳанд овард, ва
румиён омада, кишвар ва қавми моро хоҳанд гирифт».
49 Яке аз онҳо, ки Қаёфо ном дошт ва дар он сол саркоҳин буд,
гуфт: «Шумо чизе намедонед,
50 Ва фикр ҳам намекунед, ки барои мо беҳтар аст агар як кас ба
хотири қавм бимирад, ва тамоми қавм нобуд нашавад»+.
51 Лекин вай инро аз худ нагуфт, балки, чун дар он сол саркоҳин
буд, нубувват кард, ки Исо бояд барои қавм бимирад,+

52 Ва на танҳо барои қавм, балки низ барои он ки фарзандони
Худоро, ки пароканда ҳастанд, якҷоя кунад+.
53 Аз ҳамон рӯз маслиҳатро ба як ҷо монданд, ки Ӯро бикушанд+.
54 Бинобар ин Исо дигар дар миёни яҳудиён ошкоро намегашт,
балки аз он ҷо ба мавзее ки наздики биёбон буд, ба шаҳре ки Эфроим
ном дошт, равона шуд ва бо шогирдони Худ дар он ҷо монд.
55 Чун иди фисҳи яҳудиён наздик шуд, мардуми бисьёре аз ҳар
тарафи мамлакат пеш аз фисҳ ба Ерусалим омаданд, то ки худро
татҳир намоянд+.
56 Ва онҳо дар ҷустуҷӯи Исо буданд ва дар маъбад истода, ба
якдигар мегуфтанд: «Фикри шумо чист? Оё Ӯ ба ид намеояд?»
57 Лекин саркоҳинон ва фарисиён фармоне дода буданд, ки агар
касе донад, ки Ӯ куҷост, бояд хабар диҳад, то ки Ӯро дастгир
кунанд+.

## Бо равғани атрафшон тадҳин кардани Исо дар Байт-Ҳинӣ.

12 1 •Шаш рӯз пеш аз иди фисҳ Исо ба Байт-Ҳинӣ омад, ба он
ҷое ки Лаъзори мурдаро аз мурдагон эҳъё карда буд+.
2 Дар он ҷо барои Ӯ таоми шом ҳозир карданд, ва Марто хизмат
мекард, ва Лаъзор яке аз онҳое буд, ки бо Ӯ бар сари суфра
менишастанд+.
3 Он гоҳ Марьям ратле* аз равғани атрафшони сунбули холиси
гаронбаҳо гирифта, пойҳои Исоро тадҳин кард ва пойҳои Ӯро бо мӯи
худ хушконид; ва хона аз бӯи равғани атрафшон пур шуд+.
4 Ва яке аз шогирдонаш, Яҳудо ибни Шимъӯни Исқарьют, ки
мехост Ӯро таслим кунад, гуфт:
5 «Чаро ин равғани атрафшон ба сесад динор фурӯхта нашуд, то ки
ба мискинон тақсим карда дода шавад?»
6 Ва инро на аз барои он гуфт, ки ғамхори мискинон бошад, балки
барои он ки дузд буд: ҳамьёни пул дар дасташ буд, ва аз пуле ки дар
он меандохтанд, барои худ мегирифт+.
7 Исо гуфт: «Вайро ором гузор; вай инро барои рӯзи дафни Ман
сариштa карда нигоҳ доштааст;
8 Зеро ки мискинон ҳар вақт назди шумо ҳастанд, лекин Ман
ҳамеша бо шумо нестам»+.
9 Бисьёре аз яҳудиён чун хабар ёфтанд, ки Ӯ дар он ҷост, омаданд,
то ки на танҳо Исоро, балки низ Лаъзорро, ки Ӯ аз мурдагон эҳъё
карда буд, бубинанд+.
10 Он гоҳ саркоҳинон қарор доданд, ки Лаъзорро низ бикушанд,
11 Чунки ба хотири вай бисьёре аз яҳудиён ба он ҷо меомаданд ва
ба Исо имон меоварданд.

## Ба Ерусалим бо тантана ворид шудани Исо.

12 •Фардои он, мардуми бисьёре ки ба ид омада буданд, чун
шуниданд, ки Исо ба Ерусалим меояд,
13 Шохаҳои дарахти хурморо ба даст гирифта, ба пешвози Ӯ
баромаданд ва фарьёд мекарданд: «Хӯшаъно! Муборак аст Подшоҳи
Исроил, ки ба исми Худованд меояд!»+

14 Ва Исо харкуррае ёфта, бар он савор шуд, чунон ки навишта
шудааст:
15 «Натарс, эй духтари Сион! Инак, Подшоҳи ту бар куррае савор
шуда, меояд»+.
16 Шогирдонаш аввал ин чизҳоро нафаҳмиданд, лекин чун Исо
ҷалол ёфт, он гоҳ ба хотир оварданд, ки ин чизҳо дар бораи Ӯ
навишта шуда буд, ва ҳамчунон барои Ӯ ба ҷо оварда шуд+.
17 Ва мардуме ки бо Ӯ буданд, шаҳодат доданд, ки Ӯ Лаъзорро аз
қабр хонд ва аз мурдагон эҳьё кард;
18 Ба ин сабаб низ мардум ба пешвози Ӯ баромаданд, зеро шунида
буданд, ки Ӯ чунин мӯъҷиза нишон додааст.
19 Лекин фарисиён ба якдигар гуфтанд: «Оё мебинед, ки ҳеҷ фоида
намебаред? Инак, тамоми ҷаҳон аз паи Ӯ меравад»+.
20 Дар байни онҳое ки дар ид барои ибодат омада буданд, баъзе
юнониҳо буданд;
21 Онҳо назди Филиппус, ки аз Байт-Сайдои Ҷалил буд, омаданд ва
илтимос намуда, гуфтанд: «Эй оғо! Мо мехоҳем Исоро бубинем»+.
22 Филиппус омада, ба Андриёс гуфт; баъд Андриёс ва Филиппус ба
Исо гуфтанд.

## Писари Худо аз ҷониби Худои Падар ҷалол дода мешавад.

23 Исо дар ҷавоби онҳо гуфт: «Соати он расидааст, ки Писари Одам
ҷалол ёбад+.
24 Ба ростӣ, ба ростӣ ба шумо мегӯям: агар донаи гандум дар хок
афтода, намирад, фақат худаш боқӣ мемонад; лекин агар бимирад,
донаҳои фаровон меоварад+.
25 Касе ки ҷони худро дӯст дорад, онро барбод медиҳад; ва касе ки
аз ҷони худ дар ин ҷаҳон нафрат кунад, то ҳаёти ҷовидонӣ онро
нигоҳ ҳоҳад дошт+.
26 Ҳар кӣ ба Ман хизмат мекунад, бояд Маро пайравӣ намояд; ва
ҳар куҷо ки бошам, ҳодими Ман низ он ҷо хоҳад буд; ва ҳар кӣ ба Ман
хизмат мекунад, Падар вайро мӯҳтарам хоҳад дошт.
27 Алҳол ҷони Ман дар изтироб аст; чӣ бигӯям? Эй Падар! Маро аз
ин соат раҳо намо! Аммо маҳз барои ҳамин соат Ман омадаам+.
28 Эй Падар! Исми Худро ҷалол деҳ». Дарҳол садое аз осмон
даррасид: «Ҷалол додаам ва боз ҷалол ҳоҳам дод»+.

29 Мардуме ки дар он ҷо истода буданд, инро шунида, гуфтанд:
«Раъд ғуррид». Дигарон гуфтанд: «Фариштае бо Ӯ сухан гуфт»+.
30 Исо дар ҷавоб гуфт: «Ин садо на аз барои Ман, балки барои шумо
омад;+
31 Алҳол доварӣ бар ин ҷаҳон аст; алҳол мири ин ҷаҳон бадар
ронда мешавад;+
32 Ва ҳангоме ки Ман аз замин боло бурда мешавам, ҳамаро сӯи
Худ хоҳам кашид»+.
33 Инро гуфт, то ишорат кунад, ки бо чӣ гуна марг Ӯ бояд
бимирад+.

## Беимонии халқ.

34 Мардум дар ҷавоби Ӯ гуфтанд: «Мо аз Таврот шунидаем, ки
Масеҳ то абад боқӣ хоҳад монд; пас чӣ сон мегӯӣ, ки Писари Одам
бояд боло бурда шавад? Ин Писари Одам кист?»+
35 Исо ба онҳо гуфт: «Боз муддати кӯтоҳе нур бо шумост; то даме
ки нур бо шумост, роҳ равед, то ки зулмот шуморо фаро нагирад, ва
касе ки дар торикӣ роҳ меравад, намедонад, ки куҷо меравад;+
36 То даме ки нур бо шумост, ба нур имон оваред, то ки писарони
нур гардед». Ин суханонро гуфта, Исо аз пеши онҳо рафт ва пинҳон
шуд+.
37 Бо вуҷуди мӯъҷизоти бисьёре ки дар пеши назарашон нишон
дод, онҳо ба Ӯ имон наоварданд,
38 То сухани Ишаъёи набӣ ба амал ояд, ки гуфта буд: «Худовандо!
Кӣ ба пайғоми мо бовар кард, ва бозуи Худованд ба кӣ ошкор
гардид?»+
39 Бинобар ин натавонистанд имон оваранд, чунон ки Ишаъё боз
гуфтааст:
40 «Чашмони онҳоро нобино ва дилҳои онҳоро сахт гардондааст,
то бо чашмони худ набинанд ва бо дилҳои худ нафаҳманд ва руҷӯъ
накунанд, то ки Ман онҳоро шифо диҳам»+.
41 Чунин гуфт Ишаъё, ҳангоме ки ҷалоли Ӯро дид ва дар бораи Ӯ
сухан ронд+.
42 Бо вуҷуди ин бисьёре аз сардорон низ ба Ӯ имон оварданд, аммо
аз тарси фарисиён иқрор накарданд, ки мабодо аз куништ ронда
шаванд;+

43 Зеро ки ҷалоли мардумро бештар аз ҷалоли Худо дӯст
медоштанд+.

## Исо халқро бори охирин даъват менамояд ва огоҳ мекунад.

44 Лекин Исо нидо карда, гуфт: «Ҳар кӣ ба Ман имон оварад, ба
Ман не, балки ба Фиристандаи Ман имон овардааст;+
45 Ва ҳар кӣ Маро бинад, Фиристандаи Маро дидааст+.
46 Ман нур ҳастам, ки ба ҷаҳон омадаам, то ҳар кӣ ба Ман имон
оварад, дар торикӣ намонад+.
47 Ва агар касе суҳанони Маро шунида, риоят накунад, Ман бар вай
доварӣ нахоҳам кард: зеро наомадаам, ки бар ҷаҳон доварӣ кунам,
балки ҷаҳонро наҷот бахшам+.
48 Ҳар кӣ Маро рад карда, суханонамро қабул накунад, доваре бар
худ дорад: каломе ки гуфтам, дар рӯзи вопасин бар вай доварӣ хоҳад
кард;+
49 Зеро ки Ман аз Худ нагуфтаам, балки Падаре ки Маро фиристод,
ба Ман ҳукм дод, ки чӣ бигӯям ва чӣ гуна сухан ронам;
50 Ва Ман медонам, ки ҳукми Ӯ ҳаёти ҷовидонист. Пас, он чи Ман
мегӯям, хамон аст, ки Падар фармудааст, то бигӯям».

## Шустани пойҳои шогирдон.

**13** 1 Пеш аз иди фисҳ, чун Исо донист, ки соати Ӯ расидааст, то
ки аз ин ҷаҳон назди Падар биравад, Ӯ, ки мансубони Худро дар
ин ҷаҳон дӯст медошт, онҳоро то ба охир дӯст дошт+.
2 Ва дар вақти таоми шом, ки иблис қасде дар дили Яҳудо ибни
Шимъӯни Исқарьют андохта буд, ки Ӯро таслим кунад,+
3 Ва Исо медонист, ки Падар ҳама чизро ба дасти Ӯ додааст, ва Ӯ аз
ҷониби Худо омада буд ва ба сӯи Худо меравад,+
4 Аз сари суфра бархоста, либоси Худро кашид ва дастмоле
гирифта, ба камар баст;
5 Баъд аз он ба тағорае об рехта, ба шустани пойҳои шогирдонаш
ва хушконидани онҳо бо дастмоле ки ба камараш баста буд, шурӯъ
намуд+.
6 Чун назди Шимъӯни Петрус омад, вай гуфт: «Худовандо! Ту
пойҳои маро мешӯӣ?»
7 Исо дар ҷавоби вай гуфт: «Он чи Ман мекунам, алҳол намедонӣ,
лекин баъд хоҳӣ фаҳмид».
8 Петрус ба Ӯ гуфт: «Пойҳои маро ҳаргиз нахоҳӣ шуст». Исо ба вай
ҷавоб дод: «Агар туро нашӯям, туро бо Ман ҳиссае нест»+.
9 Шимъӯни Петрус ба Ӯ гуфт: «Худовандо! На танҳо пойҳои маро,
балки низ дастҳо ва сари маро бишӯй».
10 Исо ба вай гуфт: «Касе ки ғусл кардааст, фақат ба шустани
пойҳояш эҳтиёҷ дорад, чунки вай тамоман пок аст; ва шумо пок
ҳастед, лекин на ҳама»+.
11 Зеро ки таслимкунандаи Худро медонист, бинобар ин гуфт: «На
ҳама пок ҳастед»+.
12 Чун пойҳои онҳоро шуст, либоси Худро пӯшида, боз нишаст ва
ба онҳо гуфт: «Оё медонед, ки барои шумо чӣ кардам?
13 Шумо Маро Устод ва Худованд мегӯед ва рост мегӯед, зеро ки
Ман чунин ҳастам+.
14 Пас, агар Ман, ки Устод ва Худованд ҳастам, пойҳои шуморо
шустаам, шумо ҳам бояд пойҳои якдигарро бишӯед:+
15 Зеро ба шумо намунае нишон додам, то, чунон ки Ман бо шумо
кардам, шумо низ бикунед+.

16 Ба ростӣ, ба ростӣ ба шумо мегӯям: ғулом бузургтар аз оғои худ
нест, ва расул бузургтар аз фиристандаи худ нест+.
17 Ҳар гоҳ инро донистед, хушо шумо, агар инро ба амал оваред+.
18 •Дар бораи ҳамаи шумо намегӯям: онҳоеро, ки баргузидаам,
медонам. Лекин ин Навишта бояд ба амал ояд: „Он ки бо Ман нон
мехӯрад, пошнаи худро бар Ман баланд кардааст“+.
19 Алҳол, пеш аз вуқӯъ, ба шумо мегӯям, то ки ҳангоми воқеъ
шуданаш бовар кунед, ки ин Ман ҳастам+.
20 Ба ростӣ, ба ростӣ ба шумо мегӯям: ҳар кӣ фиристодаи Маро
қабул кунад, Маро қабул мекунад; ва ҳар кӣ Маро қабул кунад,
Фиристандаи Маро қабул мекунад»+.

## Таслимкунанда аз миёни шогирдон берун карда шуд.

21 Чун Исо инро гуфт, дар рӯҳ музтариб шуд, ва шаҳодат дода,
гуфт: «Ба ростӣ, ба ростӣ ба шумо мегӯям, ки яке аз шумо Маро
таслим хоҳад кард»+.
22 Шогирдон ба якдигар нигоҳ карда, дар ҳайрат шуданд, ки инро
дар бораи кӣ мегӯяд.
23 Яке аз шогирдонаш буд, ки бар сандуқи синаи Исо такья мезад:
Исо вайро дӯст медошт;+
24 Шимъӯни Петрус ба вай ишорат кард, то бипурсад: он кист, ки
дар ҳаққаш чунин гуфт.
25 Вай ҳамчунон бар сандуқи синаи Исо такья зада, пурсид:
«Худовандо! Он кист?»
26 Исо ҷавоб дод: «Он аст, ки луқмаи нонро ғӯтонда ба вай
медиҳам». Ва луқмаро гӯтонда, ба Яҳудо ибни Шимъӯни Исқарьют
дод.
27 Пас аз он ки луқмаро гирифт, шайтон дар вай дохил шуд. Он гоҳ
Исо ба вай гуфт: «Он чи мекунӣ, ба зудӣ бикун».
28 Лекин аз нишастагон ҳеҷ кас нафаҳмид, ки чаро ба вай чунин
гуфт.
29 Баъзеҳо гумон карданд, ки чун ҳамьён дар дасти Яҳудост, Исо ба
вай фармуд, ки ҳар чи барои ид ба мо лозим аст, харид кунад ё ки
чизе ба мискинон бидиҳад+.
30 Вай луқмаро гирифта, дарҳол берун рафт; ва шаб буд.

## Нутқи видоии Исо.

### 1. Вақти ҷалол ёфтан наздик аст.

31 Чун вай берун рафт, Исо гуфт: «Алҳол Писари Одам ҷалол ёфт,
ва Худо дар Ӯ ҷалол ёфт;+
32 Агар Худо дар Ӯ ҷалол ёфт, Худо низ Ӯро дар Худ ҷалол хоҳад
дод, ва ба зудӣ Ӯро ҷалол хоҳад дод+.
33 Эй фарзандон! Боз муддати каме бо шумо ҳастам: шумо Маро
ҷустуҷӯ хоҳед кард, ва чунон ки ба яҳудиён гуфтам, акнун ба шумо
низ мегӯям: „ба он ҷое ки Ман меравам, шумо наметавонед биёед“+.

### 2. Ҳукми нав.

34 Ба шумо ҳукми тозае медиҳам, ки якдигарро дӯст доред; чунон
ки Ман шуморо дӯст доштам, шумо низ якдигарро дӯст доред+.
35 Аз рӯи ҳамин ҳама хоҳанд донист, ки шогирдони Ман ҳастед,
агар якдигарро дӯст доред».

### 3. Пешгӯӣ кардани инкори Петрус.

36 •Шимъӯни Петрус ба Ӯ гуфт: «Худовандо! Куҷо меравӣ?» Исо ба
вай ҷавоб дод: «Ба он ҷое ки Ман меравам, алҳол наметавонӣ аз
ақиби Ман биёӣ, лекин баъд аз он аз ақиби Ман хоҳӣ омад».
37 Петрус ба Ӯ гуфт: «Худовандо! Чаро алҳол аз ақиби Ту
наметавонам биёям? Ҷони худро барои Ту фидо хоҳам кард»+.
38 Исо ба вай ҷавоб дод: «Ҷони худро барои Ман фидо хоҳӣ кард?
Ба ростӣ, ба ростӣ ба ту мегӯям: пеш аз он ки хурӯс бонг занад, Маро
се бор инкор хоҳӣ кард+.

## 4. Назди Падар рафтани Исо.

**14** 1 Дили шумо музтариб нашавад; ба Худо имон оваред, ба Ман
низ имон оваред+.
2 Дар хонаи Падари Ман иқоматгоҳ бисьёр аст; ва агар чунин
намебуд, магар ба шумо мегуфтам: „Меравам, то ки барои шумо ҷой
тайёр кунам“?
3 Ва ҳангоме ки биравам ва барои шумо ҷой тайёр кунам, боз
омада, шуморо бо Худ мебарам, то дар он ҷое ки Ман ҳастам, шумо
низ бошед+.
4 Ҷое ки Ман меравам, шумо онро медонед, роҳро низ медонед».
5 Тумо ба Ӯ гуфт: «Худовандо! Намедонем, ки Ту куҷо меравӣ; пас
чӣ гуна метавонем роҳро донем?»+
6 Исо ба вай гуфт: «Ман роҳ ва ростӣ ва ҳаёт ҳастам; касе
наметавонад назди Падар ояд, магар ин ки ба василаи Ман;+
7 Агар Маро мешиноҳтед, Падари Маро низ мешинохтед; ва аз
ҳамин дам Ӯро мешиносед ва Ӯро дидаед».
8 Филиппус ба Ӯ гуфт: «Худовандо! Падарро ба мо нишон деҳ, ва
ин барои мо кофист»+.
9 Исо ба вай гуфт: «Ин қадар вақт Ман бо шумо будам, ва ту Маро
нашинохтӣ, Филиппус? Ҳар кӣ Маро бинад, Падарро дидааст; пас чӣ
тавр мегӯӣ: „Падарро ба мо нишон деҳ“+?
10 Оё бовар намекунӣ, ки Ман дар Падар ҳастам, ва Падар дар Ман?
Суханоне ки Ман ба шумо мегӯям, аз Худ намегӯям; Падаре ки дар
Ман сокин аст, Ӯ ин аъмолро мекунад+.
11 Ба Ман имон оваред, ки Ман дар Падар ҳастам, ва Падар дар
Ман; вагар на, ба хотири он аъмол ба Ман имон оваред+.

## 5. Дуо ба исми Исо.

12 Ба ростӣ, ба ростӣ ба шумо мегӯям: ҳар кӣ ба Ман имон оварад,
аъмолеро, ки Ман мекунам, вай низ хоҳад кард ва ҳатто бузургтар аз
он ҳам хоҳад кард, зеро ки Ман назди Падар меравам+.
13 Ва ҳар чиро, ки ба исми Ман биталабед, ба ҷо хоҳам овард, то ки
Падар дар Писар ҷалол ёбад;
14 Агар чизе ба исми Ман биталабед, Ман онро ба ҷо хоҳам оварл+.
15 Агар Маро дӯст доред, аҳкоми Маро риоя хоҳед кард+.

## 6. Ваъда кардани Рӯҳулқудс.

16 Ва Ман аз Падар илтимос ҳоҳам кард, ва Ӯ ба шумо Пуштибони
дигаре ато хоҳад кард, то ки ҳамеша бо шумо бимонад,+
17 Яъне Рӯҳи ростӣ, ки ҷаҳон наметавонад Ӯро бипазирад, зеро ки
Ӯро намебинад ва намешиносад; лекин шумо Ӯро мешиносед, зеро
ки Ӯ бо шумо мемонад ва дар шумо хоҳад буд+.
18 Шуморо ятим намегузорам; назди шумо меоям.
19 Пас аз андак муддате ҷаҳон дигар Маро нахоҳад дид; лекин
шумо Маро хоҳед дид, ва азбаски Ман зиндаам, шумо низ хоҳед
зист+.
20 Дар он рӯз шумо хоҳед донист, ки Ман дар Падар ҳастам, ва
шумо дар Ман, ва Ман дар шумо.
21 Ҳар кӣ аҳкоми Маро дорад ва риоят кунад, вай касест, ки Маро
дӯст медорад; ва ҳар кӣ Маро дӯст дорад, Падари Ман вайро дӯст
ҳоҳад дошт, ва Ман вайро дӯст ҳоҳам дошт ва Худро ба вай зоҳир
хоҳам сохт»+.
22 Яҳудо, на он Яҳудои Исқарьют, ба ӯ гуфт: «Худовандо! Ин чист,
ки Ту мехоҳӣ Худро ба мо зоҳир созӣ ва на ба ҷаҳон?»+
23 Исо дар ҷавоби вай гуфт: «Ҳар кӣ Маро дӯст дорад, каломи Маро
риоя хоҳад кард; ва Падари Ман вайро дӯст хоҳад дошт, ва Мо назди
вай омада, бо вай маскан хоҳем гирифт+.
24 Касе ки Маро дӯст надорад, суханони Маро риоят намекунад; ва
каломе ки мешунавед, аз они Ман нест, балки аз они Падарест, ки
Маро фиристод.

## 7. Ваҳйи пурфайзи Рӯҳулқудс.

## Омодагии Исо ба мамот.

25 Ин суханонро ба шумо гуфтам, вақте ки бо шумо будам.
26 Лекин Пуштибон, яъне Рӯҳулқудс, ки Падар Ӯро ба исми Ман
хоҳад фиристод, ҳама чизро ба шумо таълим хоҳад дод ва ҳар чиро,
ки ба шумо гуфтам, ба ёди шумо хоҳад овард+.

## Васият кардани осоиштагӣ.

27 Осоиштагиро ба шумо боқӣ мегузорам, осоиштагии Худро ба
шумо медиҳам: на ончунон ки ҷаҳон медиҳад, Ман ба шумо

медиҳам. Дили шумо музтариб нашавад ва ҳаросон набошад+.
[28] Шунидед, ки ба шумо гуфтам: „Меравам ва назди шумо
бармегардам“. Агар Маро дӯст медоштед, шод мешудед, ки гуфтам:
„Назди Падар меравам“; зеро ки Падар аз Ман бузургтар аст+.
[29] Ва инак, пеш аз вуқӯъ ба шумо гуфтам, то ки дар вақти воқеъ
шуданаш имон оваред+.
[30] Баъд аз ин ба шумо бисьёр гуфтугӯ нахоҳам кард, зеро ки мири
ин ҷаҳон меояд, ва дар Ман вай чизе надорад+.
[31] Лекин, то ҷаҳон бидонад, ки Ман Падарро дӯст медорам, чунон
ки Падар ба Ман ҳукм кард, амал мекунам: бархезед, аз ин ҷо
биравем.

## 8. Масеҳ — ток.

15 [1] Ман Токи ҳақиқӣ ҳастам, ва Падари Ман Токдор аст;+
[2] Ҳар навдаеро, ки дар Ман мева наоварад, Ӯ бурида
мепартояд; ва онро, ки мева меоварад, пок месозад, то ки бештар
мева оварад+.
[3] Шумо алҳол ба воситаи каломе ки ба шумо гуфтам, пок ҳастед+.
[4] Дар Ман бимонед, ва Ман дар шумо. Чӣ тавре ки навда
наметавонад худ аз худ мева диҳад, агар дар ток намонад, ҳамчунин
шумо низ, агар дар Ман намонед+.
[5] Ман Ток ҳастам, ва шумо навдаҳо; касе ки дар Ман бимонад, ва
Ман дар вай, меваи фаровон меоварад; зеро ки бе Ман ҳеҷ коре
наметавонед кунед+.
[6] Касе ки дар Ман намонад, чун навдае бурида мешавад ва
мехушкад; ва чунин навдаҳоро гирд оварда, ба оташ меандозанд, ва
онҳо месӯзанд+.
[7] Агар дар Ман бимонед, ва сухани Ман дар шумо бимонад, ҳар чи
мехоҳед, талаб кунед, ва он ба шумо дода хоҳад шуд+.
[8] Ҷалоли Падари Ман дар ин аст, ки шумо меваи фаровон оваред,
ва шогирдони Ман хоҳед буд.

## 9. Дар бораи мондан дар муҳаббати Исо.

[9] Чунон ки Падар Маро дӯст доштааст, Ман низ шуморо дӯст
доштаам; дар муҳаббати Ман бимонед+.
[10] Агар аҳкоми Маро риоят кунед, дар муҳаббати Ман хоҳед монд,
чунон ки Ман аҳкоми Падари Худро риоят кардам, ва дар муҳаббати
Ӯ мемонам.
[11] Инро ба шумо гуфтаам, то ки шодии Ман дар шумо бимонад ва
шодии шумо комил бошад+.
[12] Ҳукми Ман ин аст, ки якдигарро дӯст доред, чунон ки Ман
шуморо дӯст доштам+.
[13] Касе муҳаббати бузургтар аз ин надорад, ки ҷони худро барои
дӯстони худ фидо кунад+.
[14] Шумо дӯстони Ман ҳастед, агар аҳкоми Маро ба ҷо оваред+.
[15] Дигар шуморо банда намехонам, зеро ки банда намедонад
оғояш чӣ мекунад; лекин шуморо дӯст хондаам, чунки ҳар чи аз

Падар шунидаам, ба шумо баён кардам+.
16 На шумо Маро баргузидаед, балки Ман шуморо баргузидаам ва шуморо таъин кардам, ки шумо биравед ва мева оваред, ва меваи шумо бимонад, то ки ҳар чи аз Падар ба исми Ман талаб кунед, ба шумо ато кунад+.
17 Ин чизҳоро ба шумо ҳукм мекунам, то ки якдигарро дӯст доред+.

## 10. Имондор ва ҷаҳон.

18 Агар ҷаҳон аз шумо нафрат кунад, бидонед, ки пеш аз шумо аз Ман нафрат кардааст+.
19 Агар шумо аз ҷаҳон мебудед, ҷаҳон мансубони худро дӯст медошт; лекин азбаски шумо аз ҷаҳон нестед, балки Ман шуморо аз ҷаҳон баргузидаам, аз ин сабаб ҷаҳон аз шумо нафрат мекунад+.
20 Каломеро, ки ба шумо гуфтам, дар хотир нигоҳ доред: „Ғулом бузургтар аз оғои худ нест“. Агар Маро таъқиб карданд, шуморо низ таъқиб хоҳанд кард; агар каломи Маро риоя карданд, каломи шуморо низ риоя хоҳанд кард;+
21 Лекин хамаи инро барои исми Ман ба шумо хоҳанд кард, чунки Фиристандаи Маро намешиносанд.
22 Агар Ман намеомадам ва ба онҳо сухан намегуфтам, гуноҳе намедоштанд; лекин акнун барои гуноҳи худ узре надоранд+.
23 Ҳар кӣ аз Ман нафрат кунад, аз Падари Ман низ нафрат мекунад+.
24 Агар дар миёни онҳо аъмолеро намекардам, ки дигаре ҳаргиз накардааст, гуноҳе намедоштанд; лекин акнун он аъмолро дида, ҳам аз Ман ва ҳам аз Падари Ман нафрат кардаанд,+
25 То ба амал ояд каломе ки дар Тавроташон навишта шудааст: „Бе сабаб аз Ман нафрат доранд“+.

## 11. Имондор ва Рӯҳулқудс.

26 Лекин чун Пуштибон, ки Ӯро аз ҷониби Падар назди шумо мефиристам, биёяд, яъне Рӯҳи ростӣ, ки аз Падар содир мегардад, Ӯ бар Ман шаҳодат хоҳад дод;+
27 Ва шумо низ шаҳодат хоҳед дод, зеро ки аз ибтидо бо Ман будаед+.

## 12. Дар бораи таъқиботи имондорон.

16 [1] Инро ба шумо гуфтам, то ки ба васваса наафтед.
[2] Шуморо аз куништҳо хоҳанд ронд; ва ҳатто соате мерасад,
ки ҳар кӣ шуморо бикушад, гумон кунад, ки хизмате ба Худо
мекунад+.
[3] Ва ин корҳоро бо шумо ҳоҳанд кард, чунки на Падарро
шинохтанд ва на Маро+.
[4] Лекин инро ба шумо барои он гуфтам, ки ҳангоми расидани он
соат ба ёд оваред, ки Ман ба шумо гуфтаам ва инро аз аввал ба шумо
нагуфтам, зеро ки бо шумо будам+.
[5] Аммо акнун Ман назди Фиристандаи Худ меравам, ва касе аз
байни шумо аз Ман намепурсад: „Куҷо меравӣ“+?
[6] Вале чун инро ба шумо гуфтам, дили шумо пур аз ғам шуд.

## 13. Дар бораи таъсири Рӯҳулқудс.

[7] Лекин ба шумо рост мегӯям: рафтани Ман барои шумо беҳтар
аст; зеро ки агар Ман наравам, Пуштибон назди шумо нахоҳад омад;
ва агар биравам, Ӯро назди шумо мефиристам,+
[8] Ва чун Ӯ ояд, ҷаҳонро бар гуноҳ ва бар адолат ва бар доварӣ
мулзам ҳоҳад кард.
[9] Бар гуноҳ, зеро ки ба Ман имон намеоваранд;+
[10] Бар адолат, зеро ки назди Падари Худ меравам, ва дигар Маро
нахоҳед дид;
[11] Бар доварӣ, зеро ки мири ин ҷаҳон маҳкум шудааст+.
[12] Боз бисьёр чизҳои дигар дорам, ки ба шумо бигӯям, лекин шумо
алҳол онҳоро наметавонед бардоред.
[13] Лекин чун Ӯ, яъне Рӯҳи ростӣ ояд, шуморо ба тамоми ростӣ
раҳнамоӣ ҳоҳад кард; зеро ки аз Худ нахоҳад гуфт, балки ҳар чи
мешунавад, онро хоҳад гуфт, ва аз воқеоти оянда ба шумо ҳабар
хоҳад дод+.
[14] Ӯ Маро ҷалол хоҳад дод, чунки аз он чи аз они Ман аст, гирифта,
ба шумо ҳабар ҳоҳад дод.
[15] Ҳар он чи Падар дорад, аз они Ман аст; бинобар ин гуфтам: аз он
чи аз они Ман аст, гирифта, ба шумо хабар хоҳад дод+.

## 14. Мамот ва омадани Исо.

[16] Дере нагузашта Маро нахоҳед дид, ва боз дере нагузашта Маро
ҳоҳед дид; зеро ки Ман назди Падар меравам»+.
[17] Баъзе аз шогирдонаш ба якдигар гуфтанд: «Чист, ки Ӯ ба мо
мегӯяд: „Дере нагузашта Маро нахоҳед дид, ва боз дере нагузашта
Маро ҳоҳед дид“ ва: „Ман назди Падар меравам“?»
[18] Ва онҳо гуфтанд: «Ин чист, ки Ӯ мегӯяд: „Дере нагузашта“?
Намедонем, чӣ мегӯяд».
[19] Исо чун донист, ки мехоҳанд аз Ӯ бипурсанд, ба онҳо гуфт: «Оё
ба якдигар дар ин хусус савол медиҳед, ки Ман гуфтам: „Дере
нагузашта Маро нахоҳед дид, ва боз дере нагузашта Маро хоҳед дид“?
[20] Ба ростӣ, ба ростӣ ба шумо мегӯям: шумо гирья ва нола хоҳед
кард, лекин ҷаҳон шод хоҳад шуд; шумо ғамгин хоҳед шуд, лекин
ғами шумо ба шодӣ мубаддал хоҳад шуд+.
[21] Зан ҳангоми зоидан ғамгин аст, чунки соати вай расидааст;
лекин чун кӯдакро зоид, ғамашро фаромӯш мекунад ба сабаби шодии
он ки одаме дар ҷаҳон таваллуд ёфт+.
[22] Шумо низ алҳол ғамгин ҳастед; лекин боз шуморо хоҳам дид, ва
дили шумо шод хоҳад шуд, ва ҳеҷ кас наметавонад он шодиро аз
шумо бигирад+.

## 15. Дуо ба исми Исо.

## Каломи охирини тасаллибахши Исо ба шогирдон.

[23] Ва дар он рӯз аз Ман чизе нахоҳед пурсид. Ба ростӣ, ба ростӣ ба
шумо мегӯям: ҳар он чи аз Падар ба исми Ман талаб кунед, ба шумо
ато хоҳад кард+.
[24] То кунун ба исми Ман чизе талаб накардаед; талаб кунед, то
бигиред, ва шодии шумо комил гардад+.
[25] Ин чизҳоро бо масалҳо ба шумо гуфтам; лекин соате мерасад, ки
дигар ба шумо бо масалҳо ҳарф намезанам, балки аз Падар ба шумо
кушоду равшан хабар хоҳам дод+.
[26] Дар он рӯз ба исми Ман талаб хоҳед кард, ва Ман ба шумо
намегӯям, ки аз Падар барои шумо илтимос хоҳам кард:
[27] Зеро ки Худи Падар шуморо дӯст медорад, чунки шумо Маро
дӯст доштаед ва шумо имон овардаед, ки Ман аз ҷониби Худо

омадаам+.
[28] Ман аз ҷониби Падар омадам ва ба ҷаҳон ворид шудам; боз
ҷаҳонро тарк мекунам ва назди Падар меравам»+.
[29] Шогирдонаш ба Ӯ гуфтанд: «Инак акнун кушоду равшан сухан
мегӯӣ, на бо масалҳо;
[30] Акнун донистем, ки Ту ҳама чизро медонӣ, ва ҳоҷат нест, ки
касе аз Ту чизе бипурсад; аз ин рӯ имон меоварем, ки Ту аз ҷониби
Худо омадаӣ»+.
[31] Исо ба онҳо ҷавоб дод: «Алҳол имон меоваред?
[32] Инак, соате мерасад, ва аллакай расидааст, ки шумо пароканда
шуда, ҳар яке сӯи хонаи худ меравед ва Маро танҳо мегузоред; лекин
Ман танҳо нестам, зеро ки Падар бо Ман аст+.
[33] Ин чизҳоро ба шумо гуфтам, то ки дар Ман осоиштагӣ дошта
бошед. Дар ҷаҳон ғаму кулфат хоҳед дошт; лекин далер бошед: Ман
бар ҷаҳон ғолиб шудаам»+.

## Дуои саркоҳинии Исо.

## 1. Илтимос дар бораи ҷалол додан.

17 [1] Исо, чун инро гуфт, чашмони Худро сӯи осмон боло карда,
гуфт: «Эй Падар! Соат расидааст: Писари Худро ҷалол деҳ, то ки
Писарат низ Туро ҷалол диҳад+.
[2] Зеро ки Ӯро бар тамоми башар қудрат додаӣ, то ки ба ҳар кӣ Ту
ба Ӯ бахшидаӣ, ҳаёти ҷовидонӣ бидиҳад:+
[3] Ва ҳаёти ҷовидонӣ ин аст, ки Туро, ки Худои ягонаи ҳақиқӣ
ҳастӣ, ва Исои Масеҳро, ки фиристодӣ, бишносанд.
[4] Ман Туро дар рӯи замин ҷалол додам ва кореро, ки ба Ман
супурда будӣ, то бикунам, ба анҷом расондам;
[5] Ва акнун Ту, эй Падар, Маро назди Худ ҷалол деҳ ба ҳамон
ҷалоле ки пеш аз ҳастии олам назди Ту доштам+.

## 2. Илтимос дар бораи ёздаҳ шогирдон.

[6] Исми Туро ба одамоне ки аз ҷаҳон ба Ман ато кардӣ,
шиносондам; онҳо аз они Ту буданд, ва Ту онҳоро ба Ман ато кардӣ,
ва онҳо каломи Туро риоят кардаанд;
[7] Ва акнун донистанд, ки ҳар он чи ба Ман додаӣ, аз ҷониби Туст;
[8] Зеро каломеро, ки ба Ман додӣ, ба онҳо супурдам, ва онҳо қабул
карданд ва ҳақиқатан донистанд, ки Ман аз ҷониби Ту омадаам, ва
имон оварданд, ки Ту Маро фиристодаӣ+.
[9] Ман барои онҳо илтимос мекунам: на барои ҷаҳон, балки барои
онҳое ки Ту ба Ман додаӣ, зеро ки онҳо аз они Ту мебошанд;+
[10] Ва он чи аз они Ман аст, аз они Туст, ва он чи аз они Туст, аз они
Ман аст; ва Ман дар онҳо ҷалол ёфтаам+.
[11] Ман дигар дар ҷаҳон нестам, лекин онҳо дар ҷаҳон ҳастанд, ва
Ман назди Ту меоям. Эй Падари Муқаддас! Инҳоро, ки ба Ман додаӣ,
ба исми Худ нигоҳ дор, то ки як бошанд, чунон ки Мо ҳастем+.
[12] Вақте ки бо онҳо дар ҷаҳон будам, онҳоро ба исми Ту нигоҳ
доштам; онҳоеро, ки Ту ба Ман додӣ, нигаҳбонӣ кардам, ва ҳеҷ яке аз
онҳо ҳалок нашуд, ҷуз аз писари ҳалокат, то ки Навишта ба амал
ояд+.
[13] Вале акнун назди Ту меоям, ва инро дар ҷаҳон мегӯям, то ки
шодии Ман дар онҳо комил бошад+.

14 Ман каломи Туро ба онҳо супурдам, ва ҷаҳон аз онҳо нафрат
кард, чунки онҳо аз ҷаҳон нестанд, чунон ки Ман низ аз ҷаҳон
нестам+.
15 Илтимос намекунам, ки Ту онҳоро аз ҷаҳон бибарӣ, балки
онҳоро аз шарорат муҳофизат намоӣ;+
16 Онҳо аз ҷаҳон нестанд, чунон ки Ман низ аз ҷаҳон нестам.
17 Онҳоро бо ростии Худ тақдис кун: каломи Ту ростист+.
18 Чунон ки Ту Маро ба ҷаҳон фиристодӣ, Ман низ онҳоро ба ҷаҳон
фиристодам;+
19 Ва Худро барои онҳо тақдис мекунам, то ки онҳо низ бо ростӣ
тақдис карда шаванд.

## 3. Дуо дар бораи имондорони ҳамаи замонҳо.

20 Танҳо барои онҳо илтимос намекунам, балки низ барои касоне
ки ба василаи каломи онҳо ба Ман имон хоҳанд овард:
21 То ки ҳама як бошанд; чунон ки Ту, эй Падар, дар Ман ҳастӣ ва
Ман дар Ту, онҳо низ дар Мо як бошанд, — то ҷаҳон имон оварад, ки
Ту Маро фиристодӣ.
22 Ва Ман ҷалолеро, ки ба Ман додаӣ, ба онҳо додаам: то ки як
бошанд, чунон ки Мо як ҳастем+.
23 Ман дар онҳо ҳастам, ва Ту дар Ман; то ки онҳо дар ягонагӣ
комил бошанд, ва ҷаҳон бидонад, ки Ту Маро фиристодӣ ва онҳоро
дӯст доштӣ, чунон ки Маро дӯст доштӣ.
24 Эй Падар! Мехоҳам онҳое ки ба Ман додаӣ, дар он ҷое ки
мебошам, бо Ман бошанд, то ҷалоли Маро, ки ба Ман додаӣ,
бубинанд, чунки Маро пеш аз таъсиси ҷаҳон дӯст доштӣ+.
25 Эй Падари Одил! Ҷаҳон Туро нашинохт; лекин Ман Туро
шинохтам, ва инҳо донистанд, ки Ту Маро фиристодӣ;+
26 Ва Ман ба онҳо исми Туро шиносондам ва боз ҳам хоҳам
шиносонид, то он муҳаббате ки Ту ба Ман дорӣ, дар онҳо бошад, ва
Ман низ дар онҳо бошам»+.

## Исо дар боғи Ҷатсамонӣ.

18 [1] •Чун Исо инро гуфт, бо шогирдони Худ ба он тарафи водии
Қидрӯн рафт, ки дар он ҷо боғе буд, ва Ӯ ва шогирдонаш ба он
даромаданд+.

## Таслим кардани Яҳудо.

[2] Ва Яҳудои таслимкунандаи Ӯ низ он ҷойро медонист, чунки Исо
бо шогирдонаш борҳо дар он ҷо ҷамъ омада буд+.
[3] Пас Яҳудо як даста сарбозон ва мулозимонро аз саркоҳинон ва
фарисиён гирифта, бо чароғҳо ва машъалҳо ва аслиҳа ба он ҷо омад+.
[4] Исо, ки огоҳ буд аз он чи бояд ба Ӯ рӯй диҳад, берун омада, ба
онҳо гуфт: «Киро ҷустуҷӯ мекунед?»+
[5] Ба Ӯ ҷавоб доданд: «Исои Носириро». Исо ба онҳо гуфт: «Ман
ҳастам». Яҳудои таслимкунандаи Ӯ низ бо онҳо истода буд.
[6] Чун Исо ба онҳо гуфт: «Ман ҳастам», — онҳо ақибақиб рафта, ба
замин афтоданд.
[7] Боз аз онҳо пурсид: «Киро ҷустуҷӯ мекунед?» Гуфтанд: «Исои
Носириро».
[8] Исо ҷавоб дод: «Ман ба шумо гуфтам, ки Ман ҳастам; пас, агар
Маро ҷустуҷӯ мекунед, бигзоред инҳо бираванд», —
[9] То он сухане ки Ӯ гуфта буд, ба амал ояд: «Аз онҳое ки ба Ман
додӣ, якеро талаф накардаам»+.
[10] Он гоҳ Шимъӯни Петрус, ки шамшер дошт, онро кашида, ба
ғуломи саркоҳин, ки Малхус ном дошт, зад, ва гӯши рости вайро
бурида партофт+.
[11] Исо ба Петрус гуфт: «Шамшери худро ғилоф кун; наход ки он
косаеро, ки Падарам ба Ман додааст, нанӯшам?»+

## Исо ба ҳузури доварии саркоҳинон.

## Инкори Петрус.

[12] •Он гоҳ дастаи сарбозон ва мириҳазор ва мулозимони яҳудиён
Исоро дастгир карда, бастанд,
[13] Ва аввал Ӯро назди Ҳонон, падарарӯси Қаёфо, ки ҳамон сол
саркоҳин шуд, бурданд:+

14 Ва ин ҳамон Қаёфо буд, ки ба яҳудиён маслиҳат дода буд, ки
беҳтар аст як кас барои қавм бимирад+.
15 Шимъӯни Петрус ва як шогирди дигар аз ақиби Исо рафтанд;
азбаски он шогирд ба саркоҳин шинос буд, бо Исо ба даруни ҳавлии
саркоҳин даромад;
16 •Аммо Петрус дар берун, назди дар истод. Баъд он шогирди
дигар, ки ба саркоҳин шинос буд, берун омада, ба дарбон чизе гуфт
ва Петрусро ба дарун бурд.
17 Он канизе ки дарбон буд, ба Петрус гуфт: «Оё ту низ аз
шогирдони Ин Шахс нестӣ?» Вай гуфт: «Нестам».
18 Дар ин миён ғуломон ва мулозимон оташ афрӯхта буданд, зеро
ки ҳаво сард буд, ва даври оташ истода, худро гарм мекарданд;
Петрус низ бо онҳо истода, худро гарм мекард.
19 •Саркоҳин аз Исо дар бораи шогирдонаш ва таълимаш пурсид.
20 Исо ба вай ҷавоб дод: «Ман ба ҷаҳон ошкоро сухан гуфтаам; Ман
ҳар вақт дар куништ ва дар маъбад, ки дар он ҷо яҳудиён ҳамеша
ҷамъ меомаданд, таълим додаам ва пинҳонӣ чизе нагуфтаам;+
21 Чаро аз Ман мепурсӣ? Аз онҳое ки шунидаанд, бипурс, ки Ман
ба онҳо чӣ гуфтаам; инак, онҳо медонанд, ки Ман чӣ гуфтаам».
22 Вақте ки инро гуфт, яке аз мулозимон, ки дар он ҷо истода буд,
Исоро як торсакӣ зада, гуфт: «Ба саркоҳин ин тавр ҷавоб медиҳӣ?»+
23 Исо ба вай ҷавоб дод: «Агар бад гуфтам, ба бадӣ шаҳодат деҳ; ва
агар хуб гуфтам, барои чӣ Маро мезанӣ?»
24 Ҳонон Ӯро дастбаста назди Қаёфои саркоҳин фиристод.
25 Ва Шимъӯни Петрус истода, худро гарм мекард. Ба вай гуфтанд:
«Ту низ аз шогирдони Ӯ нестӣ?» Вай инкор карда, гуфт: «Нестам».
26 Яке аз ғуломони саркоҳин, хеши он касе ки Петрус гӯшашро
бурида буд, гуфт: «Магар ман туро дар боғ бо Ӯ надидам?»+
27 Петрус боз инкор кард; ва ҳамон дам хурӯс бонг зад+.

## Исо ба ҳузури Пилотус.

28 •Аз ҳавлии Қаёфо Исоро ба сарбозхона бурданд. Ва субҳ буд; ва
онҳо ба сарбозхона надаромаданд, то ки наҷис нашаванд ва барраи
фисҳро бихӯранд+.

[29] Пилотус назди онҳо баромада, гуфт: «Чӣ даъвое бар Ин Шахс
доред?»+
[30] Онҳо дар ҷавоби вай гуфтанд: «Агар Ӯ бадкор намебуд, ба ту
таслим намекардем».
[31] Пилотус ба онҳо гуфт: «Шумо Ӯро бигиред ва мувофиқи
шариати худ бар Ӯ доварӣ кунед». Яҳудиён ба вай гуфтанд: «Ба мо
ҷоиз нест, ки касеро бикушем»,
[32] То он сухани Исо ба амал ояд, ки Ӯ дар бораи чигунагии
мурдани Худ ишора карда гуфта буд+.
[33] Он гоҳ Пилотус боз ба сарбозхона даромада, Исоро хонд ва ба Ӯ
гуфт: «Оё Ту Подшоҳи Яҳудиён ҳастӣ?»+
[34] Исо ба вай ҷавоб дод: «Оё ту инро аз худ мегӯӣ, ё ки дигарон дар
бораи Ман ба ту гуфтаанд?»
[35] Пилотус ҷавоб дод: «Магар ман яҳудӣ ҳастам? Қавми Ту ва
саркоҳинон Туро ба ман таслим кардаанд; чӣ кор кардаӣ?»
[36] Исо ҷавоб дод: «Подшоҳии Ман аз ин ҷаҳон нест; агар Подшоҳии
Ман аз ин ҷаҳон мебуд, мулозимони Ман меҷангиданд, то ки Ман ба
яҳудиён таслим карда нашавам; лекин акнун Подшоҳии Ман аз ин ҷо
нест»+.
[37] Пилотус ба Ӯ гуфт: «Пас, Ту Подшоҳ ҳастӣ?» Исо ҷавоб дод: «Ту
мегӯӣ, ки Ман Подшоҳ ҳастам; Ман барои он таваллуд ёфтаам ва
барои он ба ҷаҳон омадаам, ки бар ростӣ шаҳодат диҳам; ва ҳар кӣ аз
ростист, овози Маро мешунавад»+.
[38] Пилотус ба Ӯ гуфт: «Ростӣ чист?» Чун инро бигуфт, боз назди
яҳудиён баромад ва ба онҳо гуфт: «Ман дар Ӯ ҳеҷ айбе намеёбам;+

## Исо ва Бараббос.

39 Лекин шумо одате доред, ки бандиеро дар иди фисҳ барои шумо
озод кунам; оё мехоҳед, ки Подшоҳи Яҳудиёнро барои шумо озод
кунам?»+
40 Онҳо боз фарьёд зада, гуфтанд: «Ӯро не, балки Бараббосро».
Бараббос як роҳзан буд.

## Исо бо тоҷи аз хор бофташуда.

19 [1] •Он гоҳ Пилотус Исоро гирифта, тозиёна зад.
[2] Ва сарбозон тоҷе аз хор бофта, бар сараш ниҳоданд, ва
ҷомаи арғувон ба Ӯ пӯшонданд,
[3] Ва гуфтанд: «Салом, эй Подшоҳи Яҳудиён!» Ва Ӯро торсакӣ
мезаданд.

## Пилотус ва Исо ба ҳузури мардум.

[4] Боз Пилотус баромада, ба онҳо гуфт: «Инак, Ӯро пеши шумо
мебарорам, то бидонед, ки ман дар Ӯ ҳеҷ айбе намеёбам»+.
[5] Ва Исо, дар ҳолате ки тоҷи аз хор бофтае бар сар ва ҷомаи
арғувон дар бар дошт, берун омад. Ва Пилотус гуфт: «Инак Он Одам!»
[6] Чун саркоҳинон ва мулозимон Ӯро диданд, фарьёд зада, гуфтанд:
«Ӯро маслуб кун, маслуб кун!» Пилотус ба онҳо гуфт: «Шумо Ӯро
гирифта, маслуб кунед, зеро ки ман дар Ӯ айбе намеёбам».
[7] Яҳудиён ба вай ҷавоб доданд: «Мо шариате дорем, ва мувофиқи
шариати мо Ӯ бояд бимирад, чунки Худро Писари Худо кардааст»+.
[8] Чун Пилотус ин суханро шунид, беш аз пеш ҳаросон шуд.
[9] Ва боз ба сарбозхона даромада, ба Исо гуфт: «Ту аз куҷоӣ?»
Лекин Исо ба вай ҷавоб надод+.
[10] Пилотус ба Ӯ гуфт: «Ба ман сухан намегӯӣ? Магар намедонӣ, ки
қудрат дорам Туро маслуб кунам ва қудрат дорам Туро озод кунам?»
[11] Исо ҷавоб дод: «Ҳеҷ қудрате бар Ман намедоштӣ, агар аз боло
дода намешуд; аз ин рӯ он касе ки Маро ба ту таслим кард, гуноҳи
бештаре дорад»+.
[12] Ва аз он вақт Пилотус саъй дошт Ӯро озод кунад, лекин яҳудиён
фарьёд зада, гуфтанд: «Агар Ӯро озод кунӣ, дӯсти қайсар нестӣ; ҳар
кӣ даъвои подшоҳӣ кунад, душмани қайсар аст»+.
[13] Чун Пилотус инро шунид, Исоро берун овард ва дар он ҷое ки
Сангфарш ва ба ибронӣ Ҷабто номида мешуд, бар курсии доварӣ
нишаст.
[14] Рӯзи ҷумъаи арафаи иди фисҳ буд, ки дар соати шашум ба
яҳудиён гуфт: «Инак, Подшоҳи шумо!»
[15] Лекин онҳо фарьёд заданд: «Ӯро нест кун, нест кун, маслуб
кун!» Пилотус ба онҳо гуфт: «Оё Подшоҳи шуморо маслуб кунам?»

Саркоҳинон ҷавоб доданд: «Ғайр аз қайсар подшоҳе надорем»+.

## Маслуб шудани Исо ва мамоти Ӯ.

16 Ниҳоят, Ӯро ба дасти онҳо супурд, то ки маслуб кунанд. Ва онҳо
Исоро гирифта бурданд.

17 •Ва Ӯ салиби Худро бардошта, ба он ҷое ки «Ҷои косахонаи сар»
ва ба ибронӣ Ҷолҷолто ном дошт, равона шуд;
18 Дар он ҷо Ӯро маслуб карданд ва бо Ӯ ду каси дигарро: яке аз ин
тарафаш ва дигаре аз он тарафаш, ва Исо дар миёна.
19 Пилотус айбномае навишта, бар салиб овехт, ки чунин навишта
шуда буд: «Исои Носирӣ, Подшоҳи Яҳудиён».
20 Бисьёре аз яҳудиён он айбномаро ҳонданд, зеро ҷое ки Исо
маслуб шуда буд, ба шаҳр наздик буд, ва айбномаро ба забонҳои
ибронӣ, юнонӣ ва румӣ навишта буданд+.
21 Саркоҳинони яҳудӣ ба Пилотус гуфтанд: «Нанавис: „Подшоҳи
Яҳудиён“, балки он чи Ӯ мегуфт: „Манам Подшоҳи Яҳудиён“».
22 Пилотус ҷавоб дод: «Он чи навиштам, навиштам».
23 Ва сарбозон, чун Исоро маслуб карданд, либоси Ӯро гирифта, ба
чор ҳисса тақсим карданд, ба ҳар сарбоз як ҳисса; ва пероҳанро низ
гирифтанд; лекин пероҳан дарз надошт, балки аз боло то поён бофта
шуда буд.
24 Пас онҳо ба якдигар гуфтанд: «Онро пора накунем, балки қуръа
бар он партофта бинем, ки аз они кӣ мешавад», то ки Навишта ба
амал ояд, ки мегӯяд: «Сару либоси Маро дар миёни худ тақсим
карданд ва бар пероҳани Ман қуръа партофтанд». Ва сарбозон чунин
карданд+.
25 Дар назди салиби Исо модари Ӯ ва хоҳари модараш, Марьями
завҷаи Қлӯпос, ва Марьями Маҷдалия истода буданд+.
26 Чун Исо модари Худро бо он шогирде ки дӯст медошт, дар он ҷо
истода дид, ба модари Худ гуфт: «Эй зан! инак писари ту»+.
27 Ва баъд ба шогирди Худ гуфт: «Инак модари ту!» Аз ҳамон соат
он шогирд вайро ба хонаи худ бурд.

28 •Пас аз он Исо чун дид, ки ҳама чиз ба анҷом расидааст, то ки
Навишта ба амал ояд, гуфт: «Ташнаам»+.

[29] Дар он ҷо зарфе пур аз сирко истода буд. Пас исфанҷеро аз сирко пур карда, бар сари най ниҳоданд ва наздики даҳони Ӯ бурданд.
[30] Чун Исо сиркоро чашид, гуфт: «Иҷро шуд!» Ва сар фурӯ оварда, ҷон дод.

## «Ҳеҷ як устухони Ӯ шикаста нахоҳад шуд».

[31] Лекин, азбаски рӯзи ҷумъа буд, барои он ки ҷасадҳо бар салиб дар рӯзи шанбе намонад, зеро ки он шанбеи бузург буд, бинобар ин яҳудиён аз Пилотус хоҳиш карданд, ки соқи пойҳои онҳоро бишкананд ва поён фуроваранд+.
[32] Сарбозон омада, соқи пойҳои он ду нафарро, ки бо Ӯ маслуб шуда буданд, шикастанд;
[33] Чун назди Исо омаданд ва диданд, ки аллакай мурдааст, соқи пойҳои Ӯро нашикастанд,
[34] Аммо яке аз сарбозон ба қабурғаи Ӯ найза зад, ва ҳамон дам хун ва об ҷорӣ шуд+.
[35] Ва он касе ки дид, шаҳодат дод, ва шаҳодати вай рост аст; вай медонад, ки рост мегӯяд, то ки шумо низ имон оваред+.
[36] Зеро ин воқеъ шуд, то Навишта ба амал ояд, ки мегӯяд: «Ҳеҷ як устухони Ӯ шикаста нахоҳад шуд»+.
[37] Ва Навишта боз дар ҷои дигар мегӯяд: «Ба Он Касе ки найза задаанд, назар хоҳанд дӯхт»+.

## Дафни Исо.

[38] •Пас аз он Юсуф, ки аз аҳли Ҳаромот ва, аз тарси яҳудиён, шогирди махфии Исо буд, аз Пилотус хоҳиш кард, ки Ҷасади Исоро бардорад; ва Пилотус ба вай иҷозат дод. Вай омада, Ҷасади Исоро бардошт+.
[39] Ва Ниқӯдимус, ки пештар шабона назди Исо омада буд, низ омад ва тақрибан сад ратл мур ва уди омехта бо худ овард+.
[40] Онҳо Ҷасади Исоро гирифтанд ва мувофиқи маросими дафни яҳудиён, ҳанут пошида, ба кафан печонданд+.
[41] Дар он ҷое ки Ӯ маслуб шуд, боғе буд, ва дар боғ қабри наве ки дар он ҳанӯз ҳеҷ кас дафн нашуда буд:+
[42] Дар он ҷо Исоро дафн карданд, зеро ки арафаи шанбеи яҳудиён буд, ва он қабр наздик буд.

## Эҳъёи Исо.

20 [1] •Дар рӯзи якшанбе, бомдодон, ки ҳаво ҳанӯз торик буд,
Марьями Маҷдалия бар сари қабр омад ва дид, ки санг аз қабр
бардошта шудааст;+
[2] Вай дартоз назди Шимъӯни Петрус ва он шогирди дигаре ки Исо
дӯст медошт, омада, ба онҳо гуфт: «Худовандро аз қабр бурдаанд, ва
намедонем, ки Ӯро куҷо гузоштаанд»+.
[3] Дарҳол Шимъӯни Петрус ва он шогирди дигар берун омада, ба
ҷониби қабр рафтанд.
[4] Ҳар ду бо ҳам медавиданд, вале он шогирди дигар зудтар давида,
аз Петрус пеш гузашт ва аввал бар сари қабр омад,
[5] Ва хам шуда, кафанро гузошта дид; лекин ба дарун надаромад.
[6] Аз ақиби вай Шимъӯни Петрус омада, ба қабр даромад ва
кафанро гузошта дид
[7] Ва рӯймолеро, ки бар сари Ӯ буд, на бо кафан, балки дар гӯшае
алоҳида печида дид.
[8] Он шогирди дигар, ки аввал бар сари қабр омада буд, низ ба
дарун даромад, ва дид, ва имон овард;
[9] Зеро онҳо ҳанӯз Навиштаро нафаҳмида буданд, ки Ӯ бояд аз
мурдагон эҳъё шавад+.
[10] Ва шогирдон ба ҳонаи худ баргаштанд.

## Зоҳир шудани Исои эҳъёшуда ба Марьями Маҷдалия ва ба шогирдон.

[11] •Аммо Марьям дар беруни қабр истода, гирья мекард; ва чун
мегирист, хам шуда, ба даруни қабр нигоҳ кард
[12] Ва ду фариштаи сафедпӯшро дид, ки дар он ҷое ки Ҷасади Исо
гузошта шуда буд, яке ба тарафи сар ва дигаре ба тарафи пой
нишаста буданд+.
[13] Онҳо ба вай гуфтанд: «Эй зан! Чаро гирья мекунӣ?» Ба онҳо
гуфт: «Худованди маро бурдаанд, ва намедонам, ки Ӯро куҷо
гузоштаанд».
[14] Чун инро гуфт, ба ақиб рӯ овард ва Исоро истода дид; вале
надонист, ки ин Исост+.

[15] Исо ба вай гуфт: «Эй зан! Чаро гирья мекунӣ? Киро ҷустуҷӯ
мекунӣ?» Вай ба гумони он ки ин боғбон аст, ба Ӯ гуфт: «Эй оғо! Агар
ту Ӯро бурда бошӣ, ба ман бигӯ, ки Ӯро куҷо гузоштӣ, то ки ман Ӯро
гирифта барам»+.
[16] Исо ба вай гуфт: «Эй Марьям!» Вай рӯ оварда, ба Ӯ гуфт:
«Раббунӣ!» — яъне: «Устод!»
[17] Исо ба вай гуфт: «Ба Ман даст нарасон, зеро ки ҳанӯз назди
Падари Худ сууд накардаам; лекин назди бародарони Ман рафта, ба
онҳо бигӯ: Ман назди Падари Худ ва Падари шумо, назди Худои Худ
ва Худои шумо сууд мекунам»+.
[18] Марьями Маҷдалия омада, ба шогирдон хабар дод, ки: «Ман
Худовандро дидаам, ва ба ман чунин гуфт».

[19] •Бегоҳии худи ҳамон рӯзи якшанбе, вақте ки шогирдон дар
хонае ҷамъ омада, аз тарси яҳудиён дарҳои онро баста буданд, Исо
омада, дар миёни онҳо биистод ва ба онҳо гуфт: «Салом бар шумо
бод!»
[20] Чун инро гуфт, дастҳо ва қабурғаи Худро ба онҳо нишон дод.
Шогирдон Худовандро дида, шод гардиданд.
[21] Боз Исо ба онҳо гуфт: «Салом бар шумо бод! Чунон ки Падар
Маро фиристод, Ман низ шуморо мефиристам»+.
[22] Чун инро гуфт, бар онҳо дамид ва гуфт: «Рӯҳулқудсро пайдо
кунед:+
[23] Гуноҳи касеро, ки афв намоед, омурзида мешавад; ва касеро, ки
афв накунед, омурзида намешавад»+.
[24] Лекин Тумо, ки яке аз он дувоздаҳ буд ва Экизак номида мешуд,
вақте ки Исо омад, бо онҳо набуд+.
[25] Шогирдони дигар ба вай гуфтанд: «Мо Худовандро дидаем». Вай
ба онҳо гуфт: «То дар дастҳои Ӯ ҷои меххоро набинам, ва ангушти
худро дар ҷои меххо нагузорам, ва дасти худро бар қабурғаи Ӯ
нанихам, бовар нахоҳам кард».

## Исо ва Тумо.

[26] Баъд аз ҳашт рӯз боз шогирдони Ӯ дар хона буданд, ва Тумо низ
бо онҳо буд, ва дарҳо баста. Исо омада, дар миёни онҳо биистод ва
гуфт: «Салом бар шумо бод!»

27 Пас аз он ба Тумо гуфт: «Ангушти худро ба ин ҷо биёр ва
дастҳои Маро бубин; ва дасти худро биёр ва бар қабурғаи Ман
бигузор; ва беимон набош, балки имон дошта бош».
28 Тумо дар ҷавоби Ӯ гуфт: «Эй Худованди ман ва эй Худои ман!»+
29 Исо ба вай гуфт: «Ба хотири он ки Маро дидаӣ, имон овардӣ:
хушо касоне ки надида, имон меоваранд»+.
30 Боз бисьёр мӯъҷизоти дигаре Исо дар назди шогирдонаш нишон
дод, ки дар ин китоб навишта нашуд;+
31 Аммо ин қадараш навишта шуд, то шумо имон оваред, ки Исо
Масеҳ ва Писари Худост; ва имон оварда, ба исми Ӯ ҳаёт ёбед+.

## Исо назди кӯли Табария.

21 1 Баъд аз он боз Исо дар соҳили баҳри Табария ба шогирдон
зоҳир шуд. Зоҳир шуданаш ин тавр буд:+
2 Шимъӯни Петрус, Тумо, ки Экизак номида мешуд, Натанъил, ки
аз Қонои Ҷалил буд, писарони Забдой ва ду нафари дигар аз
шогирдони Ӯ бо ҳам буданд+.
3 Ва Шимъӯни Петрус ба онҳо гуфт: «Мехоҳам ба сайди моҳӣ
биравам». Ба вай гуфтанд: «Мо низ ҳамроҳи ту меравем». Дарҳол
рафта, ба қаиқ савор шуданд, ва он шаб чизе сайд накарданд.
4 Вақте ки субҳ шуд, Исо дар соҳил истода буд, лекин шогирдон
надонистанд, ки ин Исост+.
5 Исо ба онҳо гуфт: «Эй фарзандон! Оё назди шумо хӯроке ҳаст?»
Ба Ӯ ҷавоб доданд: «Не»+.
6 Ӯ ба онҳо гуфт: «Тӯрро ба тарафи рости қаиқ биандозед, ва хоҳед
ёфт». Онҳо андохтанд, ва аз бисьёрии моҳӣ онро кашида
натавонистанд+.
7 Он шогирде ки Исо дӯст медошт, ба Петрус гуфт: «Ин Худованд
аст». Чун Шимъӯни Петрус шунид, ки ин Худованд аст, ҷомаашро ба
худ печонд, чунки бараҳна буд, ва худро дар баҳр андохт;+
8 Ва шогирдони дигар бо қаиқ омаданд, — зеро ки аз соҳил дур
набуданд, балки қариб ба дусад зироъ*, — ва тӯри пур аз моҳиро
кашиданд.
9 Ва чун ба хушкӣ баромаданд, оташи афрӯхта ва моҳии бар он
гузошташуда ва нон диданд.
10 Исо ба онҳо гуфт: «Аз он моҳие ки ҳозир сайд кардед, биёред».
11 Шимъӯни Петрус рафта, тӯрро пур аз моҳиёни бузург, ки саду
панҷоҳу се адад буданд, ба хушкӣ кашид, ва бо вуҷуди бисьёрии
моҳӣ тӯр надарид.
12 Исо ба онҳо гуфт: «Биёед, хӯрок бихӯред». Лекин аз шогирдон
касе ҷуръат накард, ки аз Ӯ бипурсад: «Ту кистӣ?» Зеро медонистанд,
ки ин Худованд аст.
13 Ва Исо пеш омада, нонро гирифт ва ба онҳо дод, ва ҳамчунин
моҳиро.
14 Ин бори сеюм буд, ки Исо, пас аз эҳьё шуданаш аз мурдагон, ба
шогирдони Худ зоҳир шуд+.

## Имтиҳони Петрус ва ба вай баргардонидани хизматгузории ҳавворигӣ.

15 Баъд аз хӯрок хӯрданашон, Исо ба Шимъӯни Петрус гуфт: «Эй
Шимъӯн ибни Юнус! Оё Маро бештар аз инҳо дӯст медорӣ?» Ба Ӯ
гуфт: «Оре, Худовандо! Ту медонӣ, ки Туро дӯст медорам». Ба вай
гуфт: «Барраҳои Маро бичарон».
16 Боз бори дигар ба вай гуфт: «Эй Шимъӯн ибни Юнус! Оё Маро
дӯст медорӣ?» Ба Ӯ гуфт: «Оре, Худовандо! Ту медонӣ, ки Туро дӯст
медорам». Ба вай гуфт: «Гӯсфандони Маро чӯпонӣ намо»+.
17 Ва бори сеюм ба вай гуфт: «Эй Шимъӯн ибни Юнус! Оё Маро дӯст
медорӣ?» Петрус ғамгин шуд, ки бори сеюм аз вай пурсид: «Оё Маро
дӯст медорӣ?» ва ба Ӯ гуфт: «Худовандо! Ту аз ҳама чиз воқиф ҳастӣ;
Ту медонӣ, ки Туро дӯст медорам». Исо ба вай гуфт: «Гӯсфандони
Маро бичарон;
18 Ба ростӣ, ба ростӣ ба ту мегӯям: вақте ки ҷавон будӣ, камаратро
худат мебастӣ ва ба ҳар ҷо, ки мехостӣ, мерафтӣ; лекин вақте ки пир
шавӣ, дастҳоятро дароз хоҳӣ кард, ва дигаре туро баста, ба он ҷое ки
намехоҳӣ, туро хоҳад бурд».
19 Чунин гуфт, то ишорат кунад, ки бо чӣ гуна фавт вай бояд
Худоро ҷалол диҳад. Ва чун инро гуфт, ба вай фармуд: «Аз ақиби Ман
биё»+.
20 Петрус ба атроф нигоҳ карда, дид, ки он шогирде ки Исо дӯст
медошт, аз ақиби онҳо меояд, ва ин ҳамон буд, ки дар вақти таоми
шом бар сандуқи синаи Ӯ такья зада, гуфта буд: «Худовандо! Кист он
ки Туро таслим мекунад?»+
21 Чун Петрус вайро дид, ба Исо гуфт: «Худовандо! Оқибати ин чӣ
хоҳад буд?»
22 Исо ба вай гуфт: «Агар хости Ман ин бошад, ки то вақти
омаданам вай бимонад, ин ба ту чӣ дахл дорад? Аз ақиби Ман биё»+.
23 Бинобар ин дар миёни бародарон чунин сухан паҳн шуд, ки он
шогирд нахоҳад мурд. Лекин Исо ба вай нагуфт, ки вай нахоҳад мурд,
балки гуфт: «Агар хости Ман ин бошад, ки то вақти омаданам вай
бимонад, ин ба ту чӣ дахл дорад?»
24 Ва ин шогирдест, ки ба ин чизҳо шаҳодат медиҳад ва инҳоро
навишт; ва мо медонем, ки шаҳодати вай рост аст+.

25 Боз бисьёр аъмоли дигаре Исо ба ҷо овард, ки агар муфассалан
навишта шавад, ба гумонам, тамоми дуньё ҳам он китобҳои
навишташударо гунҷоиш дода наметавонист. Омин+.

---

* 1:39 **Соати даҳум** — соати чори гашти пешин.

* 2:6 **Бат** — андозаи моеот, ки тақрибан ба 40 литр баробар буд.

* 12:3 **Ратл** — андозаи вазн, ки тақрибан ба 450 грамм баробар буд.

* 21:8 **Зироъ** — андозаест аз оринҷ то нӯги ангушти миёна (тахминан 48 см).

---

+ 1:1 Ҳас. 1:1, Ваҳй 19:13, Юҳ. 20:28, 1 Юҳ. 5:20, Фпл. 2:6

+ 1:3 Заб. 32:6, 1 Қӯр. 8:6, Қӯл. 1:16, Ибр. 1:2

+ 1:4 Юҳ. 5:26, Юҳ. 11:25, 1 Юҳ. 1:2, 1 Юҳ. 5:11, Юҳ. 8:12, Юҳ. 9:5, Юҳ. 12:46

+ 1:6 Мат. 3:1, Марқ. 1:4, Луқ. 1:80, Луқ. 3:2

+ 1:7 Юҳ. 3:26, Юҳ. 5:33, Юҳ. 10:41, Юҳ. 20:31, Аъм. 19:4

+ 1:9 Заб. 35:10, Иш. 49:6, 1 Пет. 2:9

+ 1:11 Юҳ. 5:43

+ 1:12 Мат. 5:9, 1 Юҳ. 3:1, 1 Юҳ. 5:1, Рум. 8:14

+ 1:13 Юҳ. 3:3, Яъқ. 1:18

+ 1:14 1 Юҳ. 4:2, 2 Юҳ. 1:7, 1 Тим. 3:16, Ибр. 2:14

+ 1:15 Мат. 3:11

+ 1:17 Так. Шар. 33:4, Юҳ. 7:19, Юҳ. 14:6

+ 1:18 Хур. 33:20, Юҳ. 6:46, 1 Юҳ. 4:12, Қӯл. 1:15, 1 Тим. 6:16

● 1:19 *Мат. 3:1-12, Марқ. 1:2-8, Луқ. 3:15-17*

+ 1:20 Аъм. 13:25

+ 1:21 Мал. 4:5, Мат. 17:12-13, Луқ. 1:17, Так. Шар. 18:15, Так. Шар. 18:18-19

+ 1:23 Иш. 40:3

+ 1:29 Хур. 12:3, Иб. 1:10, Иш. 53:7, 1 Пет. 1:19, 1 Юҳ. 2:2, 1 Юҳ. 4:10

+ 1:31 Луқ. 1:17

+ 1:32 Иш. 11:2, Мат. 3:16, Марқ. 1:10, Луқ. 3:22

+ 1:33 Юил 2:28, Аъм. 1:5

+ 1:35 Мат. 11:2, Марқ. 2:18, Луқ. 11:1

+ 1:36 Юҳ. 1:29

+ 1:38 Юҳ. 18:4, Юҳ. 18:7

+ 1:40 Мат. 4:18-20, Марқ. 1:16-20, Луқ. 5:2-11

+ 1:41 Юҳ. 4:25

+ 1:42 Мат. 16:18, Марқ. 3:16, Ғал. 1:18, 1 Қӯр. 1:12

+ 1:44 Юҳ. 12:21

+ 1:45 Юҳ. 21:2, Так. Шар. 18:15, Луқ. 24:27, Мат. 2:23, Луқ. 2:39

+ 1:47 Заб. 31:2, Рум. 9:6

+ 1:49 Заб. 2:7, Мат. 27:11, Мат. 27:42, Юҳ. 11:27

+ 1:51 Ҳас. 28:12, Дон. 7:13

+ 2:1 Юҳ. 4:46, Юҳ. 21:2

+ 2:4 Марқ. 14:41, Юҳ. 7:6, Юҳ. 7:30, Юҳ. 8:20, Юҳ. 13:1

+ 2:6 Юҳ. 3:25

+ 2:12 Марқ. 3:31, Марқ. 6:3, Юҳ. 7:3, Аъм. 1:14, 1 Қӯр. 9:5, Ғал. 1:19

● 2:13 *Мат. 21:12-13, Марқ. 11:15-17, Луқ. 19:45-46*

+ 2:13 Так. Шар. 16:1, Так. Шар. 16:16, Юҳ. 6:4, Юҳ. 11:55

+ 2:16 Луқ. 2:49

+ 2:17 Заб. 68:10

+ 2:18 Юҳ. 4:48, Юҳ. 6:30, 1 Қӯр. 1:22

+ 2:19 Марқ. 8:31, Марқ. 14:58, Марқ. 15:29, Юҳ. 10:18

+ 2:22 Луқ. 24:8, Юҳ. 12:16

+ 2:23 Юҳ. 11:45

+ 3:1 Юҳ. 7:50, Юҳ. 19:39

+ 3:5 Марқ. 16:16, Аъм. 2:38, Мат. 5:20, 1 Қӯр. 15:50

+ 3:13 Мас. 30:4, Юҳ. 6:38, 1 Қӯр. 15:47, Эфс. 4:9

+ 3:14 Ад. 21:9, Юҳ. 8:28, Юҳ. 12:32

+ 3:16 Рум. 5:8, Эфс. 2:4, 1 Юҳ. 3:1, 1 Юҳ. 4:10

+ 3:17 Юҳ. 8:15, Юҳ. 12:47

+ 3:18 Марқ. 16:16

+ 3:19 Юҳ. 1:4, Юҳ. 8:12, Юҳ. 7:7

+ 3:20 Эфс. 5:13

+ 3:22 Юҳ. 4:1-2

+ 3:24 Мат. 11:2, Марқ. 6:17-18, Луқ. 3:19-20

+ 3:25 Юҳ. 2:6

+ 3:26 Юҳ. 1:7, Юҳ. 5:33

+ 3:27 1 Қӯр. 4:7

+ 3:28 Мал. 3:1, Марқ. 1:2, Юҳ. 1:20

+ 3:29 Мат. 9:15, Мат. 25:1-13, Ваҳй 19:7, Ваҳй 21:2, Мат. 9:15, Марқ. 2:19

+ 3:33 Юҳ. 8:26

+ 3:35 Мат. 3:17, Мат. 17:5, Юҳ. 5:20

+ 3:36 Юҳ. 5:24, Юҳ. 6:40, 1 Юҳ. 5:12-13

+ 4:2 Юҳ. 3:22

+ 4:3 Юҳ. 2:11-12

+ 4:4 Луқ. 9:52-53

+ 4:5 Ҳас. 33:19, Ҳас. 48:22

+ 4:10 Заб. 35:10, Ирм. 2:13, Ирм. 17:13

+ 4:14 Иш. 55:1, Юҳ. 7:38

+ 4:19 Юҳ. 9:20

+ 4:20 Ҳас. 12:6-7, Ҳас. 33:18, Так. Шар. 11:29, Так. Шар. 27:12, Дов. 9:7, Так. Шар. 12:5

+ 4:22 4 Подш. 17:28-34, Заб. 147:8-9, Аъм. 13:23, Рум. 3:1-2

+ 4:23 Рум. 8:15, Эфс. 6:18, Заб. 144:18

+ 4:24 2 Қӯр. 3:17

+ 4:25 Юҳ. 1:41, Мат. 11:2, Так. Шар. 18:18

+ 4:26 Юҳ. 9:37

+ 4:34 Так. Шар. 8:3, Юҳ. 5:30, Юҳ. 6:38, Юҳ. 9:4, Юҳ. 14:31

+ 4:35 Мат. 9:38, Луқ. 10:2

+ 4:36 1 Қӯр. 3:6-9

+ 4:42 Юҳ. 1:29, 1 Юҳ. 4:14

+ 4:44 Мат. 13:57, Марқ. 6:4, Луқ. 4:24

+ 4:45 Юҳ. 2:23

+ 4:46 Юҳ. 2:1, Юҳ. 21:2, Юҳ. 2:12

+ 4:48 Юҳ. 2:18, Юҳ. 6:30, 1 Қӯр. 1:22

+ 4:53 Мат. 8:13, Аъм. 16:34, Аъм. 18:8

+ 4:54 Юҳ. 2:11

+ 5:2 Наҳ. 3:1, Наҳ. 12:39

+ 5:8 Мат. 9:6-7, Марқ. 2:11, Луқ. 5:24

+ 5:10 Хур. 20:10, Ирм. 17:21

+ 5:16 Юҳ. 15:20

+ 5:18 Юҳ. 7:1, Фпл. 2:6

+ 5:20 Мат. 3:17, Мат. 17:5, Юҳ. 3:35, Юҳ. 10:17, Юҳ. 15:9, Юҳ. 17:26

+ 5:21 Иш. 26:19, Ҳиз. 37:5, Ҳиз. 37:12, Дон. 12:2, Рум. 8:11, 1 Қӯр. 15:45

+ 5:22 Юҳ. 17:2, Аъм. 10:42

+ 5:23 Мат. 10:40, Луқ. 10:16, Юҳ. 13:20, Юҳ. 15:23

+ 5:24 Юҳ. 3:36, Юҳ. 6:40, Юҳ. 20:31, 1 Юҳ. 5:9-13, 1 Юҳ. 3:14

+ 5:25 Мат. 27:52-53, Эфс. 2:1, Эфс. 2:5

+ 5:26 Юҳ. 1:4, Юҳ. 11:25, 1 Юҳ. 1:2, 1 Юҳ. 5:11

+ 5:27 Дон. 7:13

+ 5:28 Иш. 26:19, Ҳиз. 37:12, Юҳ. 11:25, Юҳ. 11:43

+ 5:29 Дон. 12:2

+ 5:30 Марқ. 14:36, Юҳ. 6:38, Юҳ. 8:16

+ 5:31 Юҳ. 8:13

+ 5:33 Юх. 1:7, Юх. 3:26, Юх. 10:41

+ 5:35 Мат. 5:16, 2 Пет. 1:19

+ 5:36 Юх. 8:18, Юх. 10:25, 1 Юх. 5:9

+ 5:39 Лук. 24:27

+ 5:41 1 Тас. 2:6

+ 5:43 Юх. 10:25, Юх. 12:12, Юх. 1:11, Юх. 3:11-12

+ 5:44 Юх. 12:43

+ 5:46 Ад. 21:9, Так. Шар. 28:15

● 6:1 *Мат. 14:13-21, Марк. 6:30-44, Лук. 9:10-17*

+ 6:4 Хур. 12:1-30, Так. Шар. 16:1, Так. Шар. 16:16, Юх. 2:13, Юх. 11:55

+ 6:5 Юх. 1:44, 4 Подш. 4:42-44

+ 6:8 Юх. 1:40, Юх. 1:44

+ 6:11 Мат. 15:36

+ 6:14 Мат. 11:2-3, Юх. 4:25, Юх. 11:27

● 6:16 *Мат. 14:22-27, Марк. 6:45-52*

+ 6:27 Иш. 55:2

+ 6:29 1 Юҳ. 3:23

+ 6:30 Мат. 12:38, Юҳ. 2:18, Юҳ. 4:48, 1 Қӯр. 1:22

+ 6:31 Хур. 16:15, Ад. 11:7-9, Наҳ. 9:15, Заб. 77:24

+ 6:34 Юҳ. 4:15

+ 6:35 Юҳ. 4:14, Юҳ. 7:37

+ 6:37 Юҳ. 17:6

+ 6:38 Юҳ. 3:13, 1 Қӯр. 15:47, Марқ. 14:36, Юҳ. 5:30

+ 6:39 Мат. 18:14, Юҳ. 10:28-29

+ 6:40 Юҳ. 3:35, Юҳ. 5:24, 1 Юҳ. 5:12-13

+ 6:42 Мат. 13:55

+ 6:44 Ҳуш. 11:4, Юҳ. 12:32

+ 6:45 Иш. 54:13

+ 6:46 Хур. 33:20, Мат. 11:27, Юҳ. 1:18

+ 6:51 Юҳ. 3:13, Мат. 26:26-28

+ 6:53 Марқ. 14:22-24, 1 Қӯр. 10:16, 1 Қӯр. 11:27

+ 6:56 Юҳ. 15:4-5, 1 Юҳ. 3:24

+ 6:62 Марқ. 16:19, Луқ. 24:51, Аъм. 1:9

+ 6:63 2 Қӯр. 3:6

+ 6:64 Юҳ. 13:11

+ 6:69 Марқ. 1:24

+ 6:70 Юҳ. 13:2, Юҳ. 13:27

+ 6:71 Юҳ. 18:2-3

+ 7:1 Юҳ. 5:18, Юҳ. 8:37, Юҳ. 11:53

+ 7:2 Иб. 23:34, Так. Шар. 16:13-15

+ 7:3 Марқ. 3:31, Марқ. 6:3, Юҳ. 2:12, Аъм. 1:14, 1 Қӯр. 9:5, Ғал. 1:19

+ 7:6 Марқ. 14:41, Юҳ. 2:4, Юҳ. 8:20, Юҳ. 13:1

+ 7:7 Юҳ. 15:18, Юҳ. 3:19

+ 7:13 Юҳ. 19:38

+ 7:16 Юҳ. 8:28, Юҳ. 12:49, Юҳ. 14:10

+ 7:18 Юҳ. 5:41, Юҳ. 8:50

+ 7:19 Так. Шар. 33:4, Юҳ. 1:17

+ 7:20 Марк. 3:22, Юх. 8:48, Юх. 10:20

+ 7:23 Мат. 12:2, Юх. 5:16

+ 7:24 Юх. 8:15

+ 7:27 Юх. 8:14, Юх. 9:29, Юх. 19:9

+ 7:29 Мат. 11:27, Юх. 8:55

+ 7:30 Юх. 10:39, Марк. 14:41, Юх. 2:4, Юх. 7:6, Юх. 8:20, Юх. 13:1

+ 7:31 Юх. 8:30

+ 7:33 Марк. 14:7, Юх. 14:19, Юх. 16:5

+ 7:34 Юх. 8:21-22, Юх. 13:33

+ 7:37 Иб. 23:36, Ад. 29:35, Нах. 8:18, Мат. 11:28, Заб. 41:2, Иш. 55:1, Мат. 5:6, Юх. 4:14, Юх. 6:35

+ 7:38 Заб. 35:10, Иш. 58:11, Ирм. 2:13, Ирм. 17:13, Зак. 14:8

+ 7:39 Иш. 44:3, Юил 2:28, Аъм. 2:4

+ 7:40 Так. Шар. 18:15, Так. Шар. 18:18-19, Юх. 1:21

+ 7:42 2 Подш. 7:12, 2 Подш. 7:16, 1 Подш. 16:1, Мик. 5:2, Мат. 2:1, Луқ. 2:4-7

+ 7:43 Юх. 9:16, Юх. 10:19

+ 7:48 1 Қӯр. 1:20, 1 Қӯр. 2:8

+ 7:50 Юҳ. 3:1, Юҳ. 19:39

+ 7:51 Ад. 35:30, Так. Шар. 17:6, Так. Шар. 19:15

+ 7:52 4 Подш. 14:25

+ 8:5 Иб. 20:10, Так. Шар. 22:22-24, Ҳиз. 16:38

+ 8:6 Луқ. 11:54, Луқ. 20:20

+ 8:7 Так. Шар. 17:7, Рум. 2:1, Рум. 2:22

+ 8:11 Юҳ. 5:14

+ 8:12 Иш. 42:6, Иш. 49:6, Луқ. 2:30, Юҳ. 1:4, Юҳ. 1:9, Юҳ. 12:35

+ 8:13 Юҳ. 5:31

+ 8:14 Юҳ. 13:3, Юҳ. 16:28, Юҳ. 7:27

+ 8:15 Юҳ. 3:17, Юҳ. 7:24, Юҳ. 12:47

+ 8:16 Юҳ. 5:30, Юҳ. 16:32

+ 8:17 Ад. 35:30, Так. Шар. 17:6, Так. Шар. 19:15

+ 8:18 Юҳ. 5:36, 1 Юҳ. 5:9

+ 8:19 Мат. 11:27, Юҳ. 16:3

+ 8:20 Марк. 14:41, Юҳ. 2:4, Юҳ. 7:6, Юҳ. 13:1

+ 8:21 Ҳиз. 3:18, Ҳиз. 33:8, Юҳ. 7:34-35, Юҳ. 13:33

+ 8:23 1 Юҳ. 4:5, Юҳ. 17:14

+ 8:26 Юҳ. 15:15, Юҳ. 3:33

+ 8:28 Ад. 21:9, Юҳ. 3:14, Юҳ. 12:32, Юҳ. 5:30, Юҳ. 7:16

+ 8:29 Юҳ. 4:34, Юҳ. 6:38

+ 8:30 Юҳ. 7:31

+ 8:32 Яъқ. 2:12, 1 Пет. 2:16, Рум. 6:18, 1 Қӯр. 7:22, 2 Қӯр. 3:17, Ғал. 5:1

+ 8:33 Мат. 3:9

+ 8:34 2 Пет. 2:19, Рум. 6:16-20, Тит. 3:3

+ 8:35 Ҳас. 21:10, Ғал. 4:30

+ 8:37 Юҳ. 5:18, Юҳ. 7:1, Юҳ. 11:53

+ 8:39 Луқ. 19:9

+ 8:41 Так. Шар. 32:6, Иш. 63:16, Иш. 64:8

+ 8:43 Ирм. 6:10

+ 8:44 1 Юҳ. 3:8, 1 Юҳ. 3:10, 1 Юҳ. 3:12, Ҳас. 3:4, 2 Қӯр. 11:3, Ваҳй 12:9

+ 8:48 Марқ. 3:22, Юҳ. 7:20

+ 8:49 Юҳ. 5:23

+ 8:50 Юҳ. 5:41, Юҳ. 7:18

+ 8:51 Юҳ. 5:24, Юҳ. 11:26

+ 8:54 Ибр. 5:5, Юҳ. 17:1, Аъм. 3:13, 2 Пет. 1:17

+ 8:55 Юҳ. 7:28-29

+ 8:56 Мат. 13:17, Луқ. 17:22

+ 8:59 Юҳ. 10:31

+ 9:2 Хур. 20:5, Ҳиз. 18:19

+ 9:4 Юҳ. 4:34, Юҳ. 11:9, Юҳ. 12:35

+ 9:5 Юҳ. 1:4, Юҳ. 8:12, Юҳ. 12:46

+ 9:6 Марқ. 7:33, Марқ. 8:23

+ 9:7 Иш. 8:6, Луқ. 13:4

+ 9:14 Юҳ. 5:9

+ 9:16 Хур. 20:8-10, Ад. 15:32-36, Юҳ. 7:43, Юҳ. 10:19

+ 9:17 Юҳ. 4:19, Юҳ. 6:14

+ 9:22 Юҳ. 7:13, Юҳ. 12:42, Юҳ. 16:2

+ 9:24 Еҳ. 7:19

+ 9:29 Юҳ. 7:27, Юҳ. 8:14

+ 9:31 Айюб 27:9, Заб. 65:18, Мас. 15:8, Мас. 28:9, Иш. 59:2

+ 9:37 Юҳ. 4:26

+ 9:40 Рум. 2:19

+ 9:41 Юҳ. 15:22, Яъқ. 4:17

+ 10:6 Марқ. 6:52, Марқ. 8:17

+ 10:9 Заб. 22:2, Ҳиз. 34:14

+ 10:11 Заб. 22:1, Заб. 79:2, Иш. 40:11, Ҳиз. 34:11-15, Ҳиз. 34:31, Воиз 12:12, Ибр. 13:20, Юҳ. 15:13, 1 Юҳ. 3:16

+ 10:12 Мат. 7:15, Аъм. 20:29

+ 10:13 Зак. 11:16-17

+ 10:15 Мат. 11:27

+ 10:16 Иш. 56:8, Юҳ. 11:52, Иш. 40:11, Ҳиз. 34:23, Ҳиз. 37:24, Луқ. 12:32

+ 10:17 Мат. 3:17, Юҳ. 5:20

+ 10:18 Юҳ. 2:19

+ 10:19 Юҳ. 7:43, Юҳ. 9:16

+ 10:20 Марқ. 3:22, Юҳ. 7:20, Юҳ. 8:48, Ҳуш. 9:7

+ 10:21 Хур. 4:11, Заб. 145:8

+ 10:23 Аъм. 3:11, Аъм. 5:12

+ 10:24 Мат. 26:63, Юҳ. 1:24-25, Юҳ. 1:41

+ 10:25 Юҳ. 5:36

+ 10:28 Юҳ. 3:16, Юҳ. 17:12

+ 10:30 Юҳ. 17:11

+ 10:31 Юҳ. 8:59

+ 10:33 Иб. 24:16, Мат. 9:3

+ 10:34 Заб. 81:6

+ 10:36 Юҳ. 3:17, Заб. 2:7, Марқ. 2:7, Марқ. 14:64

+ 10:38 Юҳ. 14:10

+ 10:39 Луқ. 4:30, Юҳ. 7:30

+ 10:40 Юҳ. 1:28

+ 10:41 Юҳ. 1:7, Юҳ. 3:26, Юҳ. 5:33

+ 10:42 Юҳ. 7:31

+ 11:1 Лук. 10:38-39

+ 11:2 Юҳ. 12:3

+ 11:8 Юҳ. 8:59, Юҳ. 10:31

+ 11:9 Юҳ. 9:4, Юҳ. 12:35

+ 11:10 Ирм. 13:16

+ 11:11 Мат. 9:24, Марқ. 5:39, 4 Подш. 4:31

+ 11:16 Мат. 10:3, Марқ. 3:18, Луқ. 6:15, Юҳ. 14:5, Юҳ. 20:24, Юҳ. 21:2, Аъм. 1:13, Юҳ. 13:37

+ 11:24 Луқ. 14:14, Юҳ. 5:29, Юҳ. 6:39

+ 11:25 Юҳ. 1:4, Юҳ. 5:26, 1 Юҳ. 1:2, 1 Юҳ. 5:11

+ 11:26 Юҳ. 5:24, Юҳ. 8:51

+ 11:27 Заб. 2:7, Мат. 11:2, Юҳ. 1:49, Мат. 16:16, Марқ. 8:29

+ 11:35 Луқ. 19:41

+ 11:37 Юҳ. 9:6-7

+ 11:38 Мат. 27:60

+ 11:41 Юҳ. 17:1

+ 11:42 Юҳ. 3:17

+ 11:43 Юҳ. 5:28

+ 11:44 Юҳ. 5:28

● 11:45 *Мат. 26:1-5, Марқ. 14:1-22, Луқ. 22:1-2*

+ 11:45 Юҳ. 2:23

+ 11:50 Юҳ. 18:14

+ 11:51 Иш. 53:10-11, Марқ. 10:45

+ 11:52 Иш. 49:6, Юҳ. 10:16, 1 Юҳ. 2:2

+ 11:53 Марқ. 14:1, Юҳ. 5:18, Юҳ. 7:1, Юҳ. 8:37

+ 11:55 Хур. 12:1-30, Так. Шар. 16:1, Так. Шар. 16:16, Юҳ. 2:13, Юҳ. 6:4, 2 Вак. 30:17-18

+ 11:57 Юҳ. 7:11

● 12:1 *Мат. 26:6-13, Марқ. 14:3-9, Луқ. 7:36-50*

+ 12:1 Хур. 12:1-30, Юҳ. 11:55, Мат. 21:17, Юҳ. 11:1, Юҳ. 11:18

+ 12:2 Лук. 10:38

+ 12:3 Юҳ. 11:2

+ 12:6 Юҳ. 13:29

+ 12:8 Так. Шар. 15:11

+ 12:9 Юҳ. 11:44

● 12:12 *Мат. 21:4-9, Марқ. 11:7-10, Луқ. 19:35-38*

+ 12:13 Заб. 117:25-26

+ 12:15 Зак. 9:9, Мат. 21:4-5

+ 12:16 Юҳ. 2:22

+ 12:19 Юҳ. 11:47-48

+ 12:21 Юҳ. 1:44

+ 12:23 Юҳ. 2:4, Юҳ. 17:1

+ 12:24 1 Қӯр. 15:36

+ 12:25 Мат. 10:39, Луқ. 14:26

+ 12:27 Марқ. 14:34, Юҳ. 13:21

+ 12:28 Марқ. 1:11, Марқ. 9:7

+ 12:29 Аъм. 23:9

+ 12:30 Юҳ. 11:42

+ 12:31 Юҳ. 16:11, 2 Қӯр. 4:4, Қӯл. 2:15

+ 12:32 Ад. 21:9, Юҳ. 3:14, Юҳ. 8:28, Ҳуш. 11:4, Юҳ. 6:44

+ 12:33 Юҳ. 18:32

+ 12:34 Заб. 88:5, Заб. 109:4, Иш. 9:7

+ 12:35 Иш. 2:5, Юҳ. 1:4, Юҳ. 8:12, Эфс. 5:8, Мас. 4:19, Ирм. 13:16, Юҳ. 9:4, Юҳ. 11:9, 1 Юҳ. 1:6

+ 12:36 Луқ. 16:8, 1 Тас. 5:5

+ 12:38 Иш. 53:1, Рум. 10:16

+ 12:40 Иш. 6:10, Мат. 13:15, Марқ. 4:12, Аъм. 28:27

+ 12:41 Иш. 6:1

+ 12:42 Юҳ. 3:1, Юҳ. 9:22, Юҳ. 16:2

+ 12:43 Юҳ. 5:44

+ 12:44 Мат. 10:40, Юҳ. 13:20, Юҳ. 14:1

+ 12:45 Юҳ. 14:9

+ 12:46 Юҳ. 1:4, Юҳ. 8:12, Юҳ. 9:5

+ 12:47 Юҳ. 3:17, Юҳ. 4:42, Юҳ. 8:15

+ 12:48 Так. Шар. 18:19

+ 13:1 Ҳур. 12:1-30, Юҳ. 12:1, Марқ. 14:41, Юҳ. 2:4, Юҳ. 7:6, Юҳ. 8:20

+ 13:2 Юҳ. 6:70

+ 13:3 Мат. 11:27, Юҳ. 17:2, Юҳ. 8:14, Юҳ. 16:28

+ 13:5 Мат. 20:28, Луқ. 22:27

+ 13:8 1 Қӯр. 6:11, Эфс. 5:26, Тит. 3:5, Ибр. 10:22

+ 13:10 Юҳ. 15:3

+ 13:11 Юҳ. 6:64, Юҳ. 18:2

+ 13:13 Мат. 7:22, Мат. 23:8, Луқ. 6:46, Фпл. 2:11

+ 13:14 1 Тим. 5:10

+ 13:15 1 Пет. 2:21

+ 13:16 Луқ. 6:40, Юҳ. 15:20

+ 13:17 Мат. 24:46, Луқ. 11:28, Яъқ. 1:22, Рум. 2:13

● 13:18 *Мат. 26:21-25, Марқ. 14:18-21, Луқ. 22:21-23*

+ 13:18 Юх. 6:70, Заб. 40:10

+ 13:19 Марк. 13:23, Юх. 14:29, Юх. 16:4

+ 13:20 Мат. 10:40, Лук. 10:16, Юх. 12:44

+ 13:21 Марк. 14:34, Юх. 12:27

+ 13:23 Юх. 19:26, Юх. 20:2, Юх. 21:7, Юх. 21:20

+ 13:29 Юх. 12:6

+ 13:31 1 Пет. 4:11

+ 13:32 Юх. 17:1, Юх. 17:5

+ 13:33 Юх. 7:34, Юх. 8:21

+ 13:34 1 Юх. 2:7-8, 1 Юх. 3:11, 2 Юх. 1:5, Иб. 19:18, Юх. 15:12

● 13:36 *Мат. 26:31-35, Марк. 14:27-31, Лук. 22:31-34*

+ 13:37 Юх. 11:16, Юх. 21:19

+ 13:38 Юх. 18:27

+ 14:1 Юх. 12:44

+ 14:3 Юх. 14:1, 1 Тас. 4:17

+ 14:5 Юх. 11:16

+ 14:6 Юҳ. 1:17, Юҳ. 11:25, Ибр. 10:20

+ 14:8 Юҳ. 1:43, Юҳ. 12:21

+ 14:9 Юҳ. 12:45

+ 14:10 Юҳ. 10:38

+ 14:11 Юҳ. 5:36

+ 14:12 Юҳ. 8:14, Юҳ. 13:3, Юҳ. 16:28

+ 14:14 Мат. 7:7-8, Марқ. 11:24, Юҳ. 15:16, Юҳ. 16:23, 1 Юҳ. 3:22

+ 14:15 Мат. 28:20, 1 Юҳ. 5:3, 2 Юҳ. 1:6, Рум. 13:10

+ 14:16 Юҳ. 15:26, Юҳ. 16:13

+ 14:17 1 Қӯр. 2:14, Аъм. 2:4

+ 14:19 Юҳ. 7:33

+ 14:21 Мас. 8:17, Юҳ. 16:27

+ 14:22 Луқ. 6:16, Аъм. 1:13

+ 14:23 Ваҳй 3:20

+ 14:26 Юҳ. 15:26, Юҳ. 16:13, 1 Қӯр. 2:10, 1 Юҳ. 2:20, Луқ. 24:49

+ 14:27 Фпл. 4:7, Қӯл. 3:15

+ 14:28 Юҳ. 14:1-2, 1 Қӯр. 11:3, 1 Қӯр. 15:24

+ 14:29 Марқ. 13:23, Юҳ. 13:19

+ 14:30 Юҳ. 12:31, Эфс. 2:2

+ 15:1 Иш. 5:1

+ 15:2 Ирм. 2:21, Мат. 3:10, Мат. 7:19

+ 15:3 Юҳ. 13:10

+ 15:4 1 Юҳ. 2:6

+ 15:5 Рум. 11:17, Юҳ. 6:56, 1 Юҳ. 3:24, Марқ. 4:20

+ 15:6 Мат. 13:42

+ 15:7 Юҳ. 14:14

+ 15:9 Мат. 3:17, Юҳ. 5:20

+ 15:11 Юҳ. 3:29, Юҳ. 16:24, Юҳ. 17:13, 1 Юҳ. 1:4, 2 Юҳ. 1:12

+ 15:12 Юҳ. 13:34

+ 15:13 Юҳ. 10:11, 1 Юҳ. 3:16, Рум. 5:7-8, Эфс. 5:2

+ 15:14 Марқ. 3:35

+ 15:15 Юҳ. 3:32, Юҳ. 8:26

+ 15:16 Мат. 7:7-8, Марқ. 11:24, Юҳ. 14:14, Юҳ. 16:23

+ 15:17 1 Юҳ. 2:7, 1 Юҳ. 3:11, 2 Юҳ. 1:5

+ 15:18 Марқ. 13:13, Юҳ. 7:7, 1 Юҳ. 3:13

+ 15:19 Юҳ. 8:23, Юҳ. 17:14

+ 15:20 Мат. 10:24, Луқ. 6:40, Юҳ. 13:16, Юҳ. 5:16, 1 Қӯр. 4:12, 2 Қӯр. 4:9, 1 Тас. 2:15, 2 Тим. 3:12

+ 15:22 Юҳ. 9:41

+ 15:23 Юҳ. 5:23

+ 15:24 Юҳ. 7:31, Юҳ. 10:37

+ 15:25 Заб. 34:19, Заб. 68:5

+ 15:26 Юҳ. 14:17, Юҳ. 16:13, Аъм. 5:32, 1 Юҳ. 5:6-8

+ 15:27 Луқ. 24:48, Юҳ. 19:35, Аъм. 1:8

+ 16:2 Юҳ. 9:22, Юҳ. 12:42, Аъм. 8:1, Аъм. 9:1, Аъм. 26:9

+ 16:3 Юҳ. 18:19

+ 16:4 Марқ. 13:23, Юҳ. 13:19, Юҳ. 14:29

+ 16:5 Юҳ. 7:33, Юҳ. 14:12

+ 16:7 Юҳ. 15:26

+ 16:9 Юҳ. 8:24

+ 16:11 Юҳ. 12:31, Қӯл. 2:15

+ 16:13 Юҳ. 14:17, Юҳ. 15:26, 1 Юҳ. 2:20, 1 Қӯр. 2:10

+ 16:15 Юҳ. 17:10

+ 16:16 Юҳ. 7:33

+ 16:20 Мат. 9:15

+ 16:21 Иш. 26:17

+ 16:22 2 Қӯр. 6:10

+ 16:23 Мат. 7:7-8, Марқ. 11:24, Юҳ. 14:14, Юҳ. 15:16

+ 16:24 Юҳ. 3:29, Юҳ. 15:11, Юҳ. 17:13, 2 Юҳ. 1:12

+ 16:25 Марқ. 8:32

+ 16:27 Юҳ. 14:21

+ 16:28 Юҳ. 8:14, Юҳ. 13:3

+ 16:30 Юҳ. 2:24-25

+ 16:32 Мат. 26:31, Марқ. 14:27, Юҳ. 8:16

+ 16:33 Юҳ. 14:27, Қӯл. 3:15, Рум. 8:37, Ваҳй 3:21

+ 17:1 Юҳ. 11:41, Юҳ. 2:4, Юҳ. 12:23, Юҳ. 8:54, Юҳ. 13:32

+ 17:2 Мат. 28:18, Юҳ. 5:22, Юҳ. 13:3

+ 17:5 Юҳ. 1:1-2

+ 17:8 Юҳ. 6:69

+ 17:9 Луқ. 22:32

+ 17:10 Юҳ. 16:15, Иш. 49:3

+ 17:11 Юҳ. 10:30

+ 17:12 2 Тас. 3:3, Юҳ. 13:2, Юҳ. 10:28

+ 17:13 Юҳ. 3:29, Юҳ. 15:11, Юҳ. 16:24, 2 Юҳ. 1:12

+ 17:14 Юҳ. 8:23, Юҳ. 15:19

+ 17:15 Мат. 6:13

+ 17:17 Заб. 118:160

+ 17:18 Юҳ. 20:21

+ 17:22 Рум. 8:30

+ 17:24 Юҳ. 14:3

+ 17:25 Ирм. 12:1, Юҳ. 8:55, Юҳ. 10:15

+ 17:26 Мат. 3:17, Юҳ. 5:20

● 18:1 *Мат. 26:47-56, Марқ. 14:43-50, Луқ. 22:47-53*

+ 18:1 Мат. 26:36

+ 18:2 Луқ. 22:39

+ 18:3 Аъм. 1:16

+ 18:4 Юҳ. 13:1, Юҳ. 1:38, Юҳ. 20:15

+ 18:9 Юҳ. 17:12

+ 18:10 Луқ. 22:38

+ 18:11 Марқ. 10:38, Марқ. 14:36

● 18:12 *Мат. 26:57-58, Марқ. 14:53-54, Луқ. 22:54*

+ 18:13 Луқ. 3:2, Аъм. 4:6

+ 18:14 Юҳ. 11:50

● 18:16 *Мат. 26:69-70, Марқ. 14:66-68, Луқ. 22:55-57*

● 18:19 *Мат. 26:59-66, Марқ. 14:55-64, Луқ. 22:66-71*

+ 18:20 Юх. 7:26

+ 18:22 3 Подш. 12:24, Аъм. 23:2, Аъм. 23:4

+ 18:26 Юх. 18:10

+ 18:27 Мат. 26:64, Марк. 14:72, Лук. 22:60, Юх. 13:38

● 18:28 *Мат. 27:1-2, Мат. 27:11-14, Марк. 15:1-5, Лук. 23:1-5*

+ 18:28 Аъм. 10:28, Так. Шар. 16:1

+ 18:29 Лук. 3:1, Лук. 13:1, Аъм. 3:13, Аъм. 4:27, 1 Тим. 6:13

+ 18:32 Марк. 10:33, Юх. 12:33

+ 18:33 Мат. 2:2

+ 18:36 Юх. 8:23, Юх. 17:14

+ 18:37 Юх. 3:11, 1 Юх. 4:6

+ 18:38 Лук. 23:41, Ибр. 4:15

+ 18:39 Марк. 15:6-7

● 19:1 *Мат. 27:15-31, Марк. 15:6-20, Лук. 23:13-25*

+ 19:4 Лук. 23:41, Ибр. 4:15

+ 19:7 Юҳ. 10:36, Иб. 24:16

+ 19:9 Иш. 53:7, Аъм. 8:32-33

+ 19:11 Юҳ. 18:2, Юҳ. 18:14

+ 19:12 Аъм. 3:13

+ 19:15 Заб. 92:1

● 19:17 *Мат. 27:32-44, Марқ. 15:21-32, Луқ. 23:26-43*

+ 19:20 Ибр. 13:12

+ 19:24 Заб. 21:19

+ 19:25 Луқ. 24:18, Луқ. 8:2

+ 19:26 Юҳ. 13:23

● 19:28 *Мат. 27:45-56, Марқ. 15:33-41, Луқ. 23:44-49*

+ 19:28 Заб. 68:22

+ 19:31 Так. Шар. 21:23, Еҳ. 8:29, Еҳ. 10:26-27

+ 19:34 1 Юҳ. 5:6

+ 19:35 Юҳ. 15:27, Аъм. 1:8, 1 Юҳ. 1:1-3, Ваҳй 1:2

+ 19:36 Хур. 12:46, Ад. 9:12, Заб. 33:21, Мат. 1:23, Мат. 21:4, Мат. 26:56

+ 19:37 Зак. 12:10

● 19:38 *Мат. 27:57-61, Марқ. 15:42-47, Луқ. 23:50-56*

+ 19:38 Юҳ. 7:13

+ 19:39 Юҳ. 3:1, Юҳ. 7:50, Мат. 2:11

+ 19:40 Юҳ. 11:44

+ 19:41 4 Подш. 21:18, 4 Подш. 21:26

● 20:1 *Мат. 28:1-10, Марқ. 16:1-8, Луқ. 24:1-12*

+ 20:1 Луқ. 8:2

+ 20:2 Юҳ. 13:23

+ 20:9 Заб. 15:10, Луқ. 24:27

● 20:11 *Марқ. 16:9-11*

+ 20:12 Луқ. 24:4, Аъм. 1:10

+ 20:14 Луқ. 24:16, Луқ. 24:31, Юҳ. 21:4

+ 20:15 Юҳ. 1:38, Юҳ. 18:4

+ 20:17 Мат. 28:10, Рум. 8:29, Ибр. 2:11

● 20:19 *Мат. 28:16-20, Марқ. 16:14-18, Луқ. 24:36-49*

+ 20:21 Юҳ. 17:18

+ 20:22 Ҳас. 2:7

+ 20:23 Мат. 16:19, Мат. 18:18

+ 20:24 Юҳ. 11:16

+ 20:28 Юҳ. 1:1, 1 Юҳ. 5:20, Фпл. 2:6

+ 20:29 Марқ. 15:32, 1 Пет. 1:8

+ 20:30 Юҳ. 21:25

+ 20:31 Заб. 2:7, Мат. 14:33, Луқ. 1:35, Юҳ. 1:7, Аъм. 19:4, Юҳ. 3:14-15, 1 Юҳ. 5:13

+ 21:1 Юҳ. 6:1

+ 21:2 Юҳ. 11:16, Юҳ. 14:5, Юҳ. 20:24, Юҳ. 1:45, Юҳ. 2:1, Мат. 4:21, Луқ. 5:10

+ 21:4 Луқ. 24:16, Луқ. 24:31, Юҳ. 20:14

+ 21:5 Луқ. 24:41

+ 21:6 Луқ. 5:4

+ 21:7 Юх. 13:23

+ 21:14 Юх. 20:19, Юх. 20:26

+ 21:16 Аъм. 20:28, 1 Пет. 5:1

+ 21:19 Юх. 13:37, 2 Пет. 1:14

+ 21:20 Юх. 13:23, Юх. 13:25

+ 21:22 Мат. 16:27, Марк. 9:1

+ 21:24 Юх. 15:27, 3 Юх. 1:12

+ 21:25 Юх. 20:30

# АЪМОЛИ ҲАВВОРИЁН

1 2 3 4 5 6 7 8 9 10
11 12 13 14 15 16 17 18 19 20
21 22 23 24 25 26 27 28

## Муқаддима.

1 [1] Номаи аввалро навиштаам, эй Теофилус, дар бораи ҳар он чи
Исо ба амал овард ва таълим дод аз ибтидо,+
[2] То ҳамон рӯзе ки ба василаи Рӯхулқудс ба ҳаввориёни
баргузидаи Худ дастурҳо дод ва ба осмон бурда шуд;

## Хизматгузории Исои Масеҳ баъд аз эҳъё шудан.

[3] Ба онҳо низ, баъд аз азобу уқубаташ, бо далелҳои бисьёр Худро
зинда нишон дод ва дар давоми чиҳил рӯз ба онҳо зоҳир шуда, дар
бораи Малакути Худо сухан гуфт,+
[4] Ва онҳоро ҷамъ карда, чунин амр фармуд: «Ерусалимро тарк
накунед, балки мунтазири он ваъдаи Падар бошед, ки аз Ман
шунидаед;+
[5] Зеро ки Яҳъё бо об таъмид медод, лекин шумо, баъд аз чанд рӯз,
бо Рӯҳулқудс таъмид хоҳед ёфт»+.
[6] Пас, онҳое ки ҷамъ шуда буданд, ба Ӯ савол дода, гуфтанд:
«Худовандо, оё дар ҳамин вақт салтанатро бар Исроил аз нав
барқарор хоҳӣ кард?»+
[7] Ба онҳо гуфт: «Кори шумо нест, ки замонҳо ва мӯҳлатҳоеро, ки
Падар бо кудрати Худ муқаррар намудааст, бидонед;+
[8] Аммо вақте ки Рӯҳулқудс бар шумо нозил шавад, қувват хоҳед
ёфт ва дар Ерусалим ва дар тамоми Яҳудо ва Сомария ва то ақсои
дуньё шоҳидони Ман хоҳед буд»+.

## Ба осмон сууд кардани Исо.

[9] Ҳамин ки инро гуфт, боло бурда шуд, ва онҳо менигаристанд, ва
абре Ӯро аз пеши назари онҳо гирифта бурд+.
[10] Чун Ӯ боло мебаромад, ва онҳо ба осмон менигаристанд, ногоҳ
ду марди сафедпӯш назди онҳо пайдо шуданд+
[11] Ва гуфтанд: «Эй мардони Ҷалил! Чаро ин ҷо истода, сӯи осмон
нигаронед? Ҳамин Исо, ки аз пеши шумо ба осмон боло бурда шуд,
чӣ тавре ки Ӯро сӯи осмон равона дидед, боз ҳамон тавр хоҳад
баргашт»+.

## Интизорӣ ба Рӯҳулқудс.

[12] Он гоҳ онҳо аз кӯҳи Зайтун, ки дар наздикии Ерусалим ба
масофати роҳравии рӯзи шанбе* воқеъ аст, сӯи Ерусалим равона
шуданд+
[13] Ва, чун расиданд, ба болохонае баромаданд, ки дар он ҷо Петрус
ва Яъқуб, Юҳанно ва Андриёс, Филиппус ва Тумо, Барталмо ва Матто,
Яъқуб ибни Ҳалфой ва Шимъӯни Ғаюр ва Яҳудо ибни Яъқуб иқомат
доштанд;+
[14] Ҳамаи онҳо якдилона ба дуо машғул буданд, ва ҳамроҳашон
занон ва Марьям модари Исо ва бародарони Ӯ низ буданд+.

## Интихоб шудани Матьёс.

[15] Дар он рӯзҳо Петрус дар миёни шогирдон, ки дар ҷамъомад
тақрибан саду бист нафар буданд, бархоста, гуфт:
[16] «Эй бародарон! Мебоист он Навишта иҷро мешуд, ки Рӯҳулқудс
бо забони Довуд дар бораи Яҳудо пешгӯӣ кард, ки вай роҳнамо буд ба
онҳое ки Исоро дастгир карданд;+
[17] Вай ба мо мансуб гардида, насибе дар ин ҳизмат ёфт;+
[18] Ва инак, вай ба музди бадкирдории худ мазраае харид ва бар он
рӯйнокӣ афтода, шикамаш кафид, ва тамоми амъояш берун шуд;
[19] Хабари ин ба гӯши ҳамаи сокинони Ерусалим расид, ва он
мазраа ба забони онҳо Ҳақалдамо, яъне „Мазрааи хунин“ номида
шудааст+.
[20] Зеро ки дар китоби Забур навишта шудааст:
„Манзили вай хароб гардад
ва касе дар он сокин нашавад“; ва:
„Ҷоҳу ҷалоли варо дигаре бигирад“+.
[21] Бинобар ин аз касоне ки ҳамроҳи мо буданд дар тамоми он
муддате ки Исои Худованд бо мо рафтуомад дошт,
[22] Яъне аз вақти таъмиди Яҳьё то рӯзе ки Ӯ аз пеши мо боло бурда
шуд, — яке аз онҳо бояд бо мо шоҳиди эҳьёи Ӯ бишавад»+.
[23] Ва ду нафарро: Юсуфро, ки Барсаббо ном дошта, лақабаш Юстус
буд, ва Матьёсро пешниҳод карданд+
[24] Ва дуо карда, гуфтанд: «Ту, эй Худованд, ки Орифулқалб ҳастӣ,
бинамо якеро, ки аз ин ду баргузидаӣ,+

25 То ки вай насиби ин хизмат ва ҳаввориятро пайдо кунад, ки
Яҳудо аз он маҳрум шуда, ба макони худ рафтааст».
26 Қуръае барои онҳо партофтанд, ва қуръа ба номи Матьёс
баромад, ва ӯ ба ёздаҳ ҳаввориён мансуб гашт+.

## Нозил шудани Рӯҳулқудс.

**2** [1] Вақте ки рӯзи Пантикост фаро расид, ҳамаашон якдилона дар як ҷо ҷамъ омаданд;+

[2] Баногоҳ ғулғулае, мисли садои тундбод, аз осмон баромад ва тамоми ҳонаро пур кард,

[3] Ва забонаҳои аз ҳам чудое, мисли забонаҳои оташ, ба онҳо зоҳир шуда, якто-якто бар ҳар яке аз онҳо қарор гирифт+.

[4] Ҳамаашон аз Рӯҳулқудс пур шуданд, ва чун Рӯҳ ба онҳо қудрати такаллум бахшид, ба забонҳои дигар-дигар ба сухан гуфтан шурӯъ карданд+.

[5] Дар Ерусалим яҳудиён, одамони худотарсе ки аз ҳар халқи зери осмон буданд, сукунат доштанд.

[6] Ҳангоме ки он ғулғула баланд шуд, мардуми бисьёре ҷамъ омада, дар ҳайрат афтоданд, зеро ки ҳар кас ба забони ҳудаш сухани онҳоро мешунид.

[7] Ва ҳама моту мабҳут ва мутааҷҷиб шуда, ба якдигар мегуфтанд: «Оё ҳамаи инҳо, ки гап мезананд, ҷалилӣ нестанд?

[8] Пас чӣ гуна ҳар яке аз мо сухани онҳоро ба забони зодгоҳи худ мешунавем?

[9] Мо, ки портиён ва модиён ва эломиён, ва сокинони байнаннаҳрайн, Яҳудо ва Қаппадукия, Понтус ва вилояти Осиё,

[10] Фриҷия ва Памфилия, Миср ва ноҳияи Либия, ки дар наздикии Қурин аст, ва зиёратчиёни румӣ, ҳам яҳудиён ва ҳам онҳое ки чанде пеш дини яҳудиро қабул кардаанд,

[11] Ва аҳли Крит ва Арабистон ҳастем, суханони инҳоро аз кибриёи Худо ба забонҳои худамон мешунавем»+.

[12] Ҳама мутааҷҷиб шуда ва дар ҳайрат афтода, ба якдигар мегуфтанд: «Ин чӣ маъно дорад?»

[13] Вале баъзе касон истеҳзокунон мегуфтанд: «Инҳо май хӯрда, маст шудаанд»+.

## Мавъизаи Пемрус.

[14] Он гоҳ Петрус, бо он ёздаҳ нафар, бархоста ва овози худро баланд карда, ба онҳо гуфт: «Эй мардони Яҳудо ва ҳамаи сокинони Ерусалим! Инро бидонед ва суханони маро гӯш кунед:

## 1. Ба амал омадани нубуввати Юил.

[15] Инҳо маст нестанд, чунон ки шумо гумон мекунед, зеро ки ҳоло соати сеи рӯз аст,

[16] Балки ин ҳамон чиз аст, ки Юили набӣ гуфтааст:+

[17] „Ва дар рӯзҳои охир, мегӯяд Худо, чунин хоҳам кард:
Рӯҳи Худро бар тамоми башар хоҳам рехт,
ва писарону духтарони шумо нубувват хоҳанд кард,
ва ҷавонони шумо рӯъёҳо ва пирони шумо хобҳо хоҳанд дид;+
[18] Ва ҳатто бар ғуломону канизони Худ дар он рӯзҳо Рӯҳи Худро хоҳам рехт,
ва онҳо нубувват хоҳанд кард;
[19] Ва аз боло дар осмон мӯъҷизот ва аз поён дар замин аломот:
хун ва оташ ва буҳороти дуд ба зуҳур ҳоҳам овард:+
[20] Пеш аз он ки рӯзи азиму пуршукӯҳи Худованд фаро расад,
офтоб ба зулмот ва моҳ ба хун мубаддал ҳоҳад шуд;+
[21] Ва чунин ҳоҳад шуд,
ки ҳар кӣ исми Худовандро бихонад,
наҷот ҳоҳад ёфт“+.

## 2. Аъмоли Исо исбот менамояд, ки Ӯ Ҳудованд Худост.

[22] Эй мардони Исроил! Ба ин суханон гӯш диҳед: Исои Носирӣ Марде буд, ки назди шумо аз ҷониби Худо бо кувваҳо ва мӯъҷизот ва аломоте ки Худо дар миёни шумо ба василаи Ӯ содир кард, ба субут расид, чунон ки ҳудатон низ медонед;+

[23] Ӯро, ки аз рӯи маслиҳати муайян ва огоҳии пешакии Худо таслим карда шуд, шумо бо дасти бадкирдорон бар салиб мехкӯб карда, куштед;+

[24] Вале Худо завлонаи маргро шикаста, Ӯро эҳьё кард, зеро ғайриимкон буд, ки марг Ӯро дар қайдаш нигоҳ дорад+.

## 3. Довуд пешгӯӣ кардааст, ки Масеҳ баъд аз эҳьё Подшоҳ хоҳад шуд.

[25] Зеро ки Довуд дар ҳаққи Ӯ мегӯяд:
„Худовандро ҳамеша пеши назари худ медидам,
зеро ки Ӯ ба ямини ман аст,
то ки фурӯ нағалтам;+

26 Ба ин сабаб дилам шод шуд,
ва забонам ба ваҷд омад;
ҳатто ҷисмам дар умед сокин хоҳад шуд,
27 Зеро ки ҷони маро дар дӯзах нахоҳӣ андохт,
ва нахоҳӣ гузошт, ки қуддуси Ту фаноро бубинад+.
28 Тариқи ҳаётро ба ман омӯхтаӣ ва бо хузури Худ маро аз шодӣ пур хоҳӣ кард“+.

29 Эй бародарон! Изн мехоҳам, то ки ҷуръат намуда, ба шумо дар бораи падари мо Довуд бигӯям, ки ӯ вафот ёфта, дафн карда шудааст, ва қабраш то имрӯз дар миёни мо боқист;+

30 Азбаски ӯ пайғамбар буд ва медонист, ки Худо барои ӯ қасам ёд кардааст, ки аз насли ӯ Масеҳро ба миён оварад, то ки бар тахти ӯ бинишонад,+

31 Бинобар ин дар бораи эҳьёи Масеҳ пешбинӣ карда, гуфт, ки ҷони Ӯ дар дӯзах намонд, ва ҷисми Ӯ фаноро надид+.

## 4. Исои маслубшуда Худованд ва Масеҳ аст.

32 Ҳамин Исоро Худо эҳьё кард, ва ҳамаи мо шоҳидони он ҳастем.

33 Акнун, ки Ӯ ба ямини Худо боло бурда шудааст, ваъдаи Рӯҳулқудсро аз Падар ёфта, он чиро, ки шумо дида ва шунида истодаед, фурӯ рехтааст+.

34 Зеро ки Довуд ба осмон набаромад, вале худаш мегӯяд:
„Худованд ба Худованди ман гуфт:
ба ямини Ман бинишин,+
35 То ки душманонатро зери пои Ту андозам“.

36 Пас, эй тамоми хонадони Исроил, яқинан бидонед, ки Худо Ҳамин Исоро, ки шумо маслуб кардед, Худованд ва Масеҳ гардондааст».

## Калисои нахустин.

37 Чун шуниданд, дилреш шуда, ба Петрус ва ҳаввориёни дигар гуфтанд: «Эй бародарон, мо акнун чӣ кунем?»+

38 Петрус ба онҳо гуфт: «Тавба кунед, ва хар яке аз шумо ба исми Исои Масеҳ барои омурзиши гуноҳҳо таъмид бигиред, ва атои Рӯҳулқудсро хоҳед ёфт;+

[39] Зеро ки ин ваъда барои шумо ва фарзандони шумо ва барои
ҳамаи онҳоест, ки дур ҳастанд, яъне барои ҳар касе ки Худованд
Худои мо ӯро бихонад»+.
[40] Ӯ бо бисьёр суханони дигар ба онҳо шаҳодат медод ва мавъиза
намуда, мегуфт: «Худро аз ин насли каҷрав раҳо кунед!»
[41] Пас онҳое ки каломи ӯро бо рағбат қабул карданд, таъмид
гирифтанд, ва дар ҳамон рӯз тақрибан се ҳазор нафар ба онҳо ҳамроҳ
шуданд,
[42] Ва онҳо бо шунидани таълими ҳаввориён, бо мушоракати онҳо,
бо шикастани нон ва бо дуо гуфтан машғул буданд.
[43] Ҳама саросар ба ҳарос афтода буданд, ва бисьёр мӯъҷизот ва
аломот аз дасти ҳаввориён дар Ерусалим ба амал омад.
[44] Ҳамаи имондорон бо ҳам муттаҳид ва дар ҳама чиз шарик
буданд:+
[45] Молу мулки худро мефурӯхтанд ва ба ҳама, мувофиқи
эҳтиёҷоти ҳар кас, тақсим мекарданд;
[46] Ҳар рӯз якдилона дар маъбад ҷамъ мешуданд ва дар хонаҳои
худ нон шикаста, бо дилхушӣ ва самимият бо ҳам хӯрок мехӯрданд,
[47] Худоро ҳамду сано мехонданд ва дар миёни тамоми мардум
меҳру муҳаббат пайдо мекарданд, ва Худованд ҳар рӯз касонеро, ки
наҷот меёфтанд, ба аҳли калисо меафзуд.

## Лангро шифо додани ҳаввориён.

**3** 1 Рӯзе дар соати нӯҳуми вақти ибодат Петрус ва Юҳанно ба
маъбад мерафтанд.
2 Марди ланги модарзоде буд, ки ҳар рӯз ӯро бардошта оварда,
назди он дарвозаи маъбад, ки Ҷамил ном дошт, мегузоштанд, то аз
касоне ки ба маъбад меомаданд, садақа бигирад;+
3 Вақте ки ӯ Петрус ва Юҳанноро назди даромадгоҳи маъбад дид,
аз онҳо садақа пурсид.
4 Петрус, ки бо Юҳанно буд, ба ӯ синчакунон нигариста, гуфт: «Ба
мо нигоҳ кун».
5 Ӯ ба онҳо назар дӯхт ба умеди он ки аз онҳо чизе бигирад.
6 Аммо Петрус гуфт: «Ман нуқра ва тилло надорам; лекин он чи
дорам, ба ту медиҳам: ба исми Исои Масеҳи Носирӣ бархезу роҳ
рав»+.
7 Аз дасти росташ гирифта, ӯро ба по хезонд; баногоҳ пойҳо ва
шитолингҳои ӯ қувват гирифт,+
8 Ва аз ҷои худ ҷаста хеста, ба роҳравӣ даромад ва роҳравону
ҷастухезкунон ва Худоро ҳамдгӯён ҳамроҳи онҳо вориди маъбад
шуд+.
9 Тамоми мардум ӯро роҳравон ва Худоро ҳамдгӯён диданд
10 Ва ӯро шинохтанд, ки ҳамон касест, ки назди дарвозаи Ҷамили
маъбад нишаста, садақа мепурсид, ва аз он чи ба ӯ рӯй дода буд, дар
даҳшат ва дар ҳайрат афтоданд.
11 Азбаски ӯ ба Петрус ва Юҳанно часпида буд, тамоми мардум дар
равоқи Сулаймон бо ҳайрат сӯи онҳо шитофтанд+.

## Мавъизаи дуюми Петрус.

12 Петрус, чун дид, ба он ҷамоат рӯ оварда, гуфт: «Эй мардони
Исроил! Чаро аз дидани ин дар ҳайрат афтодаед ва чаро ба мо чашм
дӯхтаед, гӯё ки мо бо кувват ё парҳезгории худ сабаби роҳ рафтани
ин шахс шуда бошем?
13 Худои Иброҳим ва Исҳоқ ва Яъқуб, Худои падарони мо, Писари
Худ Исоро ҷалолат бахшид. Шумо Ӯро таслим кардед ва дар ҳузури
Пилотус, ки мехост Ӯро озод кунад, Ӯро рад намудед;+

14 Лекин шумо Қуддус ва Одилро рад намуда, хоҳиш кардед, ки як
шахси одамкуш барои шумо озод карда шавад,+
15 Вале Сарвари ҳаётро куштед, вале Худо Ӯро аз мурдагон эҳьё
кард, ва мо шоҳидони он ҳастем.
16 Ба хотири имон ба исми Ӯ ин шаҳсе ки мебинед ва мешиносед,
қувват ёфтааст, бале, исми Ӯ ва имоне ки дар мо аз Ӯст, дар ҳузури
ҳамаи шумо ба вай ин шифоро баҳшидааст.
17 Лекин, эй бародарон, медонам, ки шумо, мисли сардорони худ,
ин корро аз рӯи нодонӣ кардаед;+
18 Аммо Худо он чиро, ки бо забони тамоми анбиёяш пешакӣ
гуфта буд, ки Масеҳ бояд азобу уқубат кашад, ҳамин тавр анҷом дод.
19 Пас, тавба кунед ва руҷӯъ намоед, то ки гуноҳҳои шумо маҳв
гардад,
20 Ва айёми фароғат аз ҳузури Худованд фаро расад, ва Ӯ Исои
Масеҳро, ки бароятон аз аввал баргузида буд, бифиристад,
21 То замони таҷдид кардани ҳама чиз мутобиқи он чи Худо бо
забони анбиёи муқаддаси Худ аз азал гуфтааст, мебоист осмон Ӯро
қабул мекард+.
22 Чунончи, Мусо ба падарони мо гуфта буд:
„Худованд Худои шумо Пайғамбаре мисли ман барои шумо
аз миёни бародарони шумо ба миён хоҳад овард;
бояд ба он чи Ӯ ба шумо мегӯяд, гӯш диҳед,+
23 Ва ҳар кӣ ба суханони Он Пайғамбар гӯш надиҳад,
бояд аз байни қавми худ решакан шавад“+.
24 Ҳамчунин тамоми анбиё, аз Самуил гирифта то онҳое ки баъд
аз ӯ нубувват кардаанд, ҳамаашон ин айёмро пешгӯӣ кардаанд+.
25 Шумо фарзандони он анбиё ҳастед ва дар он аҳде ки Худо бо
падарони мо баст, насибе доред, чунон ки Ӯ ба Иброҳим гуфтааст:
„Ҳамаи қабилаҳои рӯи замин дар насли ту баракат хоҳанд хост“+.
26 Худо Писари Худ Исоро муваккал карда, аввал назди шумо
фиристод, то ки Ӯ ҳар якеро аз роҳҳои шароратомези шумо
баргардонида, шуморо баракат диҳад».

## Таъқиботи аввалин ба муқобили ҳавворифён.

4 [1] Ҳангоме ки онҳо ба мардум сухан мегуфтанд, коҳинон ва
сардори посбонони маъбад ва саддуқиён бар сари онҳо тохтанд,+
[2] Зеро хеле нороҳат шуданд аз ин ки онҳо мардумро таълим
медоданд ва дар шахси Исо эҳьёи мурдагонро мавъиза менамуданд,
[3] Ва дасти тааддӣ ба онҳо дароз карда, то фардо ба ҳабс
гирифтанд, зеро ки шомгоҳ буд+.
[4] Аммо бисьёре аз шунавандагони калом имон оварданд, ва
шумораи онҳо тақрибан панҷ ҳазор мард буд.

## Нутқи Петрус ба пирон.

[5] Фардои он, сардорон ва пирон ва китобдонони онҳо дар
Ерусалим ҷамъомаде барпо карданд,
[6] Ва Ҳонони саркоҳин ва Қаёфо ва Юҳанно ва Искандар ва ҳамаи
аъзоёни хонаводаи саркоҳин ҳузур доштанд,+
[7] Ва онҳоро дар миёнаҷо ба по хезонда, пурсиданд: «Ба кадом
қувват ва ба кадом исм ин корро кардаед?»+
[8] Петрус аз Рӯҳулқудс пур шуда, ба онҳо гуфт: «Эй сардорони қавм
ва пирони Исроил!+
[9] Агар имрӯз барои некие ки ба марди нотавоне кардаем, моро
тафтиш менамоед ва мехоҳед бидонед, ки вай ба чӣ васила шифо
ёфтааст,+
[10] Пас ба ҳамаи шумо ва ба тамоми қавми Исроил маълум бод, ки
ба исми Исои Масеҳи Носирӣ, ки Ӯро шумо маслуб кардед, ва Худо
Ӯро аз мурдагон эҳьё намуд, — оре, ба исми Ӯ ин одам дар ҳузури
шумо тандуруст истодааст:
[11] Ӯ ҳамон сангест, ки шумо, бинокорон, онро рад кардед, вале он
ҳоло санги сари гӯшаи бино гардидааст+.
[12] Дар ҳеҷ каси дигар наҷот нест, ва дар зери осмон ҳеҷ исми
дигаре ба одамон ато нашудааст, то ки ба василаи он наҷот ёбем»+.

## Мавъиза ба исми Исо манъ карда шудааст.

[13] Вақте ки ҷасорати Петрус ва Юҳанноро диданд ва пай бурданд,
ки одамони нохонда ва оддӣ ҳастанд, мутааҷҷиб шуданд ва онҳоро
шинохтанд, ки аз ҳамроҳони Исо буданд;

[14] Чун шахси шифоёфтаро диданд, ки назди онҳо истода буд, чизе ба муқобили онҳо гуфта натавонистанд+.

[15] Ба онҳо амр фармуданд, ки аз шӯрои пирон берун бираванд; пас аз он бо якдигар машварат карданд

[16] Ва гуфтанд: «Бо ин одамон чӣ кунем? Инак ба ҳамаи сокинони Ерусалим маълум шудааст, ки онҳо мӯъҷизаи ба назар намоёне ба амал овардаанд, ва мо онро наметавонем инкор кунем;

[17] Аммо барои он ки бештар аз ин дар миёни мардум овоза нашавад, бояд онҳоро сахт таҳдид кунем, ки дигар ба ҳеҷ кас дар бораи ин исм гап назананд».

[18] Онҳоро даъват намуда, фармон доданд, ки ба ҳеҷ ваҷҳ исми Исоро ба забон наоваранд ва таълим надиҳанд.

[19] Вале Петрус ва Юҳанно ба ҷавоби онҳо гуфтанд: «Худатон ҳукм кунед, оё дар назари Худо дуруст аст, ки итоати шуморо аз итоати Худо авло донем+?

[20] Мо наметавонем аз гуфтани он чи дидаем ва шунидаем, даст кашем».

[21] Онҳоро боз ҳам зиёдтар таҳдид карда, ҷавоб доданд, чунки ба сабаби мардум имконият наёфтанд ба онҳо ҷазо диҳанд, зеро ки ҳама Худоро барои он чи воқеъ шуда буд, ҳамду сано мегуфтанд;+

[22] Шахсе ки ин мӯъҷизаи шифо ба вай рӯй дод, бештар аз чиҳилсола буд.

## Шогирдон бори дуюм аз Рӯҳулқудс пур мешаванд.

[23] Баъд аз раҳо шуданашон назди ёрони худ омаданд ва он чиро, ки саркоҳинон ва пирон гуфта буданд, ба онҳо нақл карданд.

[24] Чун инро шуниданд, овози худро якдилона сӯи Худо баланд карда, гуфтанд: «Эй Парвардигор, эй Офаридагори осмон ва замин ва баҳр ва ҳар он чи дар онҳост!+

[25] Ту бо забони падари мо ва бандаи Худ Довуд ба василаи Рӯҳулкудс гуфтаӣ:
„Чаро халқҳо шӯриш менамоянд ва қавмҳо беҳуда қасд мекунанд?
[26] Подшоҳони замин қиём кардаанд ва мирон мутта ҳид шудаанд
бар зидди Худованд ва бар зидди Масеҳи Ӯ“+.

[27] Дар воқеъ, бар зидди Писари Муқаддаси Ту Исо, ки Ӯро тадҳин
кардаӣ, Ҳиродус ва Понтиюс Пилотус бо ғайрияҳудиён ва қавми

Исроил муттаҳид шуданд,+
[28] То он чиро, ки бозуи Ту ва раъи Ту пешакӣ муқаррар карда буд,
ба ҷо оваранд.
[29] Ва алҳол, эй Худованд, ба таҳдидҳои онҳо назар андоз ва ба
бандагони Худ ато фармо, то ки бо камоли ҷасорат каломи Туро баён
кунанд,+
[30] Дар сурате ки Ту дасти Худро барои шифо бахшидан ва барои
нишон додани аломоту мӯъҷизот ба исми Писари Муқаддаси Худ
Исо дароз бикунӣ».
[31] Ҳамин ки дуояшон ба охир расид, маконе ки дар он ҷамъ шуда
буданд, ба ҷунбиш омад, ва ҳама аз Рӯҳулқудс пур шуданд ва каломи
Худоро далерона мегуфтанд+.

## Аҳволи калисои Ерусалим

[32] Ҳамаи имондорон аз ҷону дил муттаҳид шуда буданд, ва ҳеҷ
касе молу мулки худро аз они худ намедонист, балки ҳама чизро
онҳо муштарак медоштанд+.
[33] Ҳавворивн бо кувваи бузурге ба эҳьёи Исои Худованд шаҳодат
медоданд, ва файзи азиме бар ҳамаи онҳо буд.
[34] Ҳеҷ эҳтиёҷманде дар байнашон набуд, зеро ҳар касе ки замин ё
хонае дошт, онро мефурӯхт ва пулашро оварда,+
[35] Дар ихтиёри ҳавворивн мегузошт, ва ба ҳар кас ба қадри
эҳтиёҷаш дода мешуд.
[36] Юсуф, ки ҳавворивн ба ӯ лақаби Барнаббо, яъне «ибни тасаллӣ»
— ро дода буданд, ва ӯ аз сибти Левӣ, аз аҳли Қаприс буд,+
[37] Замине дошт, ва онро фурӯхт ва пулашро оварда, дар ихтиёри
ҳавворивн гузошт.

## Гуноҳ ва мамоти Ҳанониё ва Сафира.

**5** [1] Аммо Ҳанониё ном шахсе, бо ҳамсараш Сафира, мулки худро
фурӯхт
[2] Ва як қисми пули онро, бо огоҳии ҳамсараш, гирифта нигоҳ
дошт ва боқии онро оварда, дар иҳтиёри ҳаввориён гузошт.
[3] Петрус гуфт: «Эй Ҳанониё! Чаро ин тавр ба дилат шайтон роҳ
ёфтааст, то туро водор намояд, ки ба Рӯҳулкудс дурӯғ бигӯӣ ва як
қисми пули заминро пинҳон кунӣ?
[4] Оё он чи доштӣ, аз они ту набуд? Оё он чи баъд аз фурӯхтан
пайдо кардӣ, дар ихтиёри ту набуд? Чаро чунин фикрро дар дили худ
ҷо додӣ? Ту на ба одамизод, балки ба Худо дурӯғ гуфтӣ»+.
[5] Ҳамин ки Ҳанониё ин суханонро шунид, ба замин афтод ва ҷон
дод, ва ҳамаи онҳое ки инро шуниданд, ба ҳароси азиме афтоданд.
[6] Ҷавонон бархоста, ӯро барои дафн тайёр карданд ва берун бурда,
ба ҳок супурданд.
[7] Тахминан баъд аз гузаштани се соат ҳамсараш омад, ки аз ин
воқеа бехабар буд.
[8] Петрус аз вай пурсид: «Ба ман бигӯ, ки оё заминро ба ҳамин
маблағ фурӯхтед?» Зан гуфт: «Оре, ба ҳамин маблағ».
[9] Петрус ба вай гуфт: «Чаро ҳар ду забон як кардед, ки Рӯҳи
Худовандро биозмоед? Онҳое ки шавҳаратро гӯрониданд, бар
остонаи дар ҳастанд; туро низ хоҳанд бурд».
[10] Ҳамон дам вай пеши пои ӯ афтода, ҷон дод; ва ҷавонон, чун
дохил шуданд, вайро мурда ёфтанд ва берун бурда, дар паҳлуи
шавҳараш дафн карданд.
[11] Тамоми аҳли калисо ва ҳамаи онҳое ки инро шуниданд, ба
ҳароси азиме афтоданд.

## Тараққии калисо.

[12] Ҳаввориён аломоту мӯъҷизоти зиёде дар миёни қавм ба амал
меоварданд ва ҳама якдилона дар равоқи Сулаймон ҷамъ
мешуданд+.
[13] Ҳеҷ каси бегона ҷуръат намекард бо онҳо ҳамнишин шавад,
лекин мардум онҳоро ситоиш мекарданд.

[14] Мардону занони бисьёре ба Худованд имон оварда, торафт
бештар ба онҳо ҳамроҳ мешуданд;
[15] Кор ба ҷое расид, ки мардум беморонро ба кӯчаҳо бароварда,
болои бистарҳо ва катҳо мегузоштанд, то ки дар вақти гузашта
рафтани Петрус ақаллан сояи ӯ бар баъзеи онҳо биафтад+.
[16] Ҳамчунин мардуми бисьёре аз шаҳрҳои атроф дар Ерусалим
ҷамъ шуда, беморон ва гирифторони арвоҳи палидро меоварданд, ва
ҳамаи онҳо шифо меёфтанд.

## Таъқиботи дуюм.

[17] Аммо саркоҳин ва бо вай ҳамаи онҳое ки аз фирқаи саддуқиён
буданд, аз ҳасад пур шуда, барҳостанд+
[18] Ва ба ҳаввориён дасти тааддӣ дароз карда, онҳоро дар зиндони
ом андохтанд+.
[19] Вале ҳамон шаб фариштаи Худованд дарҳои зиндонро кушода ва
онҳоро берун оварда, гуфт:+
[20] «Биравед ва дар маъбад истода, ҳамаи ин суханони ҳаётро ба ин
қавм бигӯед».
[21] Чун инро шуниданд, субҳидам ба маъбад омаданд ва ба таълим
додан шурӯъ карданд. Дар ин миён саркоҳин ва онҳое ки бо вай
буданд, шӯрои пирон ва ҳамаи пирони банӣ-Исроилро даъват
карданд ва ба зиндон кас фиристоданд, то ки онҳоро биёранд.
[22] Аммо мулозимон рафта, онҳоро дар зиндон наёфтанд ва
баргашта, ҳабар доданд
[23] Ва гуфтанд: «Зиндонро бо зҳтиёти тамом баста дидем, ва
посбонон дар пеши дар истода буданд, вале вақте ки дарро кушодем,
касеро наёфтем».
[24] Чун саркоҳин ва сардори посбонони маъбад ва саркоҳинони
дигар ин суханонро шуниданд, дар ҳайрат афтоданд, ки ин чӣ
окибате дошта бошад.
[25] Дар ҳамин вақт касе омада, ба онҳо хабар дод ва гуфт: «Инак, он
шахсоне ки дар зиндон андохта будед, дар маъбад истода, қавмро
таълим медиҳанд».
[26] Он гоҳ сардори посбонон бо мулозимонаш рафта, онҳоро овард,
лекин на бо зӯрӣ, зеро аз қавм тарсиданд, ки мабодо онҳоро сангсор
кунанд;+

27 Чун онҳоро оварда, назди шӯрои пирон ба по хезонданд,
саркоҳин ба онҳо савол дода, гуфт:+
28 «Оё шуморо ба таври қатъӣ амр нафармудаем, ки ба ин исм
таълим надиҳед? Ва инак, шумо Ерусалимро бо таълимоти худ пур
кардаед ва мехоҳед хуни Он Одамро ба гардани мо бор кунед»+.

## Ҷавоби ҳаввориён.

29 Петрус ва ҳаввориён ба ҷавоб гуфтанд: «Ба Худо бояд итоат
кард, на ба одамизод;+
30 Худои падарони мо Исоро эҳьё кард, ки шумо Ӯро ба дарахт
овехта, кушта будед:
31 Худо Ӯро ба ямини Худ боло бардошта, Сарвар ва Наҷотдиҳанда
гардонд, то ки ба Исроил тавба ва омурзиши гуноҳҳоро ато фармояд;
32 Мо шоҳидони Ӯ дар ин бобат ҳастем ва ҳамчунин Рӯҳулқудс аст,
ки Онро Худо ба фармонбардорони Худ бахшидааст»+.
33 Чун шуниданд, чунон дарғазаб шуданд, ки қасд карданд онҳоро
ба қатл расонанд+.

## Огоҳонидани Ҷамлиил.

34 Аммо яке аз фарисиён, ки Ҷамлиил ном дошт ва муаллими
шариат буд, ва тамоми қавм ӯро мӯҳтарам медоштанд, дар шӯрои
пирон бархоста, амр дод, ки ҳаввориёнро ба муддати кӯтоҳе берун
баранд,+
35 Ва ба ҳозирон гуфт: «Эй мардони Исроил! Эҳтиёт кунед аз он чи
мехоҳед бо ин одамон бикунед:
36 Зеро ки чанде пеш аз ин айём шахсе Тавдо ном бархоста, худро
чун шахси бузурге вонамуд кард, ва тақрибан чорсад нафар ба вай
ҳамроҳ шуданд; вале вай кушта шуд, ва ҳамаи пайравонаш пароканда
ва нест шуданд;
37 Баъд аз вай Яҳудои Ҷалилӣ дар замони саршуморӣ бархост ва
мардуми бисьёреро аз ақиби худ кашид; вай низ кушта шуд, ва ҳамаи
пайравонаш пароканда шуданд;+
38 Ва алҳол ба шумо мегӯям, ки аз ин одамон даст кашед ва онҳоро
ба ҳоли худ бигузоред, зеро ки агар ин раъй ва амал аз одамизод
бошад, худ аз худ барҳам хоҳад хӯрд,+

[39] Вале агар аз Худо бошад, шумо онро наметавонед барҳам диҳед, мабодо маълум шавад, ки бо Худо ситеза мекунед»+.

### Ҳаввориён сазовори беҳурматӣ гардидаанд.

[40] Ба гапи вай даромаданд ва ҳаввориёнро ҷеғ зада оварда, қамчинкорӣ карданд ва минбаъд ба исми Исо ҳарф заданро ба онҳо манъ карда, онҳоро озод намуданд.
[41] Онҳо аз шӯрои пирон баромада, хурсанд шуданд, ки ба хотири исми Ӯ сазовори беҳурматӣ гардидаанд,+
[42] Ва ҳар рӯз дар маъбад ва дар хонаҳо дар бораи Исои Масеҳ таълим ва башорат медоданд.

## Дьяконҳои аввалин.

6 [1] Дар он айём, ки шогирдон зиёд мешуданд, яҳудиёни
юнонизабон аз яҳудиёни ибронизабон шикоят карданд, ки
бевазанони онҳо дар тақсими ризқи ҳаррӯза бе баҳра мемонанд+.
[2] Он дувоздаҳ нафар ҷамоати шогирдонро даъват намуда, гуфтанд:
«Шоиста нест, ки мо каломи Худоро тарк карда, ба хизмати таъмини
ризқу рӯзӣ машғул шавем;
[3] Пас, эй бародарон, ҳафт одами некном ва пур аз Рӯҳулқудс ва
пурҳикматро аз миёни ҳуд интихоб намоед, то ки онҳоро ба ин
ҳизмат таъин кунем;+
[4] Лекин мо бо дуо ва бо таълими каломи Худо машғул ҳоҳем
шуд».
[5] Ин таклиф ба тамоми ҷамоат маъқул шуд, ва Истефанусро, ки
шахси пур аз имон ва Рӯҳулқудс буд, ва Филиппус ва Прохорус ва
Никонӯр ва Тимӯн ва Парминос ва Николосро, ки аз аҳли Антиёхия
буда, чанде пеш дини яҳудиро қабул карда буд, интихоб карданд;+
[6] Инҳоро дар назди ҳавворием ба по хезонданд, ва даст бар
сарашон монда, дуо карданд+.
[7] Каломи Худо торафт интишор меёфт, шумораи шогирдон дар
Ерусалим бағоят меафзуд, ва бисьёре аз коҳинон низ ба имон тан
доданд+.

## Таъқиботи сеюм.

## Айбдор кардани Истефанус.

[8] Истефанус, ки пур аз имон ва кувват буд, дар миёни қавм
аломоту мӯъҷизоти бузурге ба амал меовард.
[9] Баъзе касон аз куништи ба ном либартиниён, қуриниён ва
искандариён ва аз аҳли Қилиқия ва Осиё бо Истефанус баҳсу
мунозира карданд,
[10] Лекин ба он ҳикмат ва Рӯҳе ки дар суҳанонаш буд, ёрои
мухолифат надоштанд+.
[11] Бинобар ин чанд касро водор карданд, ки бигӯянд: «Мо
шунидем, ки ӯ дар ҳаққи Мусо ва Худо суханони куфромез мегуфт»+.
[12] Дар миёни қавм ва пирон ва китобдонон шӯр ангехта, ба ӯ
хуҷум оварданд ва ӯро дастгир карда, ба шӯрои пирон бурданд.

13 Шоҳидони козибро пеш оварданд, ва онҳо гуфтанд: «Ин шахс
ҳамеша ба муқобили ин макони муқаддас ва ба муқобили Таврот
суханони куфромез мегӯяд;+
14 Зеро шунидем, ки ӯ мегуфт: „Исои Носирӣ ин маконро хароб
хоҳад кард ва русумеро, ки Мусо ба мо супурдааст, тағьир ҳоҳад
дод“»+.
15 Ҳамаи касоне ки дар шӯрои пирон нишаста буданд, бар ӯ назар
андохта, диданд, ки чеҳраи ӯ монанди чеҳраи фариншта буд.

## Нутқи Истефанус ба ҳузури шӯрои пирон.

**7** [1] Он гоҳ саркоҳин пурсид: «Оё инҳо рост мегӯянд?»
[2] Ба ҷавоб гуфт: «Эй бародарон ва эй падарон, гӯш кунед! Худои
Зулҷалол ба падари мо Иброҳим, вақте ки ӯ дар Байнаннаҳрайн буд,
яъне пеш аз он ки ба Ҳоррон муҳоҷират кунад, зоҳир шуд+
[3] Ва ба ӯ гуфт: „Замини худ ва ақрабои худро тарк намо ва сӯи
замине ки ба ту нишон медиҳам, равона шав“+.
[4] Аз замини калдониён берун омада, дар Ҳоррон маскан гирифт;
баъд аз вафоти падараш, Худо ӯро аз он ҷо ба замине ки шумо дар он
иқомат доред, кӯчонид+
[5] Ва аз он ба андозаи як кафи пой ҳам ба тасарруфи ӯ надод, вале
дар ҳамон вақте ки ӯ ҳанӯз фарзанде надошт, ваъда кард, ки ӯро ва
баъд аз ӯ наслашро молики он гардонад+.
[6] Ва Худо ба ӯ гуфт, ки насли ӯ дар замини бегона монанди
ғарибон зиндагӣ ҳоҳанд кард, ва муддати чорсад сол онҳоро дар
бандагӣ нигоҳ дошта, азоб ҳоҳанд дод+.
[7] „Аммо Ман“, гуфт Худо, „бар он ҳалқе ки онҳоро дар бандагӣ
нигоҳ дорад, доварӣ хоҳам кард, ва баъд аз он онҳо берун омада, дар
ин макон ба Ман ибодат хоҳанд кард“+.
[8] Ва аҳди ҳатнаро ба ӯ дод. Пас аз ин Иброҳим падари Исҳоқ шуда,
дар рӯзи ҳаштум ӯро хатна кард; ва Исҳоқ падари Яъқуб ва Яъқуб
падари дувоздаҳ сарқабила гардид+.
[9] Сарқабилаҳо аз Юсуф ҳасад бурда, ӯро ба Миср фурӯхтанд; лекин
Худо бо ӯ буд+
[10] Ва ӯро аз ҳамаи мусибатҳояш халосӣ дод, ва ба ӯ ҳикмат ва
ҳусни таваҷҷӯҳ дар назари фиръавн подшоҳи Миср бахшид, то ӯро
бар Миср ва бар тамоми ҳонаи худ ҳукмфармо таъин кард+.
[11] Дар тамоми замини Миср ва Канъон қаҳтӣ рӯй дода, боиси
кулфати бузурге гардид, ва падарони мо қуте наёфтанд.
[12] Чун Яъқуб шунид, ки дар Миср ғалла ёфт мешавад, бори аввал
падарони моро ба он ҷо фиристод;+
[13] Дар сафари дуюм Юсуф ҳудро ба бародаронаш шиносонид, ва
аслу насаби Юсуф ба фиръавн маълум шуд+.
[14] Юсуф кас фиристода, падари ҳуд Яъкуб ва тамоми хешу
таборашро, ки ҳафтоду панҷ нафар буданд, даъват намуд+.

15 Яъқуб ба Миср омад, ва худаш ва падарони мо вафот ёфтанд;+
16 Онҳоро ба Шакем бурда, дар мақбарае ки Иброҳим аз банӣ-
Ҳамӯри шакемӣ ба нуқраи худ харида буд, дафн карданд+.
17 Баробари наздик омадани вақти ваъдае ки Худо дар бораи он ба
Иброҳим қасам ёд карда буд, қавм дар Миср меафзуд ва бузург
мешуд,+
18 То даме ки подшоҳи дигаре ба тахт нишаст, ки Юсуфро
намешинохт;+
19 Ӯ бар зидди нажоди мо найрангбозӣ карда, падарони моро ба
танг овард ва амр фармуд, ки кӯдакони навзоди худро баровварда
партоянд, то ки зинда намонанд+.
20 Дар он вақт Мусо таваллуд шуд, ки дар назди Худо бағоят ҷамил
буд, ва муддати се моҳ дар ҳонаи падари худ парвариш ёфт;+
21 Ҳангоме ки ӯро баровварда партофтанд, духтари фиръавн ӯро
гирифта, ҳамчун фарзанди худ калон кард;+
22 Мусо тамоми ҳикмати Мисрро таълим гирифта, дар сухан ва
амал қавӣ шуд.
23 Вақте ки ӯ чиҳилсола шуд, ба дилаш омад, ки бародарони худ,
банӣ-Исроилро тафаққуди ҳол кунад;
24 Чун якеро мазлум дид, ӯро ҳимоят кард ва интиқоми он
ситамкашро гирифта, мисриро кушт+.
25 Ӯ гумон мекард, ки бародаронаш ҳоҳанд фаҳмид, ки Худо ба
василаи ӯ онҳоро наҷот медиҳад, аммо онҳо нафаҳмиданд.
26 Рӯзи дигар назди онҳо омада дид, ки муноқиша мекунанд, ва
онҳоро оштӣ доданӣ шуда, гуфт: „Эй мардумон, шумо бародар
ҳастед, чаро якдигарро меранҷонед?“
27 Вале он касе ки ба ёри худ тааддӣ мекард, ӯро тела дода, гуфт:
„Кӣ туро бар мо ҳоким ва қозӣ таъин кардааст?
28 Оё меҳоҳӣ маро низ бикушӣ, чунон ки дирӯз он мисриро
куштӣ?“+
29 Мусо, ҳамин ки ин суханонро шунид, гурехта рафт ва дар
замини Мидьён ғурбат ихтиёр кард, ва дар он ҷо аз ӯ ду писар
таваллуд шуд+.
30 Чун чиҳил сол гузашт, дар биёбони атрофи кӯҳи Сино фариштаи
Худованд дар шӯълаи буттаи фурӯзон ба ӯ зоҳир шуд+.

31 Мусо, чун дид, аз ин рӯъё дар ҳайрат афтод, ва ҳангоме ки
наздик меомад, то ки назар андозад, садои Худованд ба гӯшаш расид:
32 „Ман Худои падарони ту, Худои Иброҳим ва Худои Исҳоқ ва
Худои Яъқуб ҳастам“. Мусо ба ларза даромада, ҷуръат накард, ки
назар андозад+.
33 Худованд ба ӯ гуфт: „Кафшҳоятро аз пойҳоят бикаш, зеро ҷое ки
дар он истодаӣ, замини муқаддас аст;+
34 Ситамеро, ки қавми Ман дар Миср мекашанд, дидаам ва оҳу
нолаи онҳоро шунидаам ва барои наҷот додани онҳо фуромадаам;
акнун биё, то ки туро ба Миср бифиристам“+.
35 Ҳамон Мусоро, ки рад карда, гуфта буданд: „Кӣ туро ҳоким ва
қозӣ таъин кардааст?“, Худо ба василаи фариштае ки дар бутта ба ӯ
зоҳир шуд, ҳоким ва раҳокунанда таъин намуда, фиристод;+
36 Ӯ онҳоро берун оварда, дар давоми чиҳил сол дар замини Миср
ва дар баҳри Қулзум ва дар биёбон мӯъҷизоту аломот ба амал
овард+.
37 Ин ҳамон Мусост, ки ба банӣ-Исроил гуфт: „Худованд Худои
шумо Пайғамбаре мисли ман барои шумо аз миёни бародарони
шумо ба миён хоҳад овард; ба суханони Ӯ гӯш диҳед“+.
38 Ин ҳамон аст, ки дар ҷамоат дар биёбон бо фариштае ки дар
кӯҳи Сино бо ӯ сухан гуфт, ва бо падарони мо буд, ва калимоти
зиндаро қабул кард, то ки ба мо бирасонад,+
39 Вале падарони мо нахостанд ба ӯ итоат намоянд, балки ӯро рад
карданд, ва дилҳои онҳо сӯи Миср моил шуд+
40 Ва ба Ҳорун гуфтанд: „Барои мо худоёне бисоз, ки пешопеши мо
равона бошанд, зеро намедонем, бар сари Мусо, ки моро аз замини
Миср берун овард, чӣ омадааст“+.
41 Дар он айём гӯсолае сохтанд ва ба он бут курбониҳо карданд ва
аз аъмоли дастҳои худ хеле шод гаштанд+.
42 Аммо Худо аз онҳо рӯй гардонда, вогузор кард, ки сипоҳи
осмонро парастиш намоянд, чунон ки дар китоби анбиё навишта
шудааст: „Эй хонадони Исроил! Оё дар давоми чиҳил сол дар биёбон
барои Ман қурбониҳо ва ҳадияҳо такдим кардед+?
43 Хаймаи Малук ва кавкаби худои худ Римфонро бардошта
мегаштед, ки ин санамҳоро барои парастиш сохта будед; пас, шуморо
ба он тарафи Бобил бадарға хоҳам кард“+.

44 Падарони мо дар биёбон хаймаи шаҳодат доштанд, чунон ки
Худо ба Мусо амр фармуда гуфта буд, ки онро мувофиқи намунае ки
дидааст, бисозад+.
45 Онро падарони мо гирифта, ҳамроҳи Еҳушаъ ба мулки қавмҳо
оварданд, вақте ки Худо онҳоро аз сари роҳи падарони мо бадар
ронд, ва ҳайма то замони Довуд дар он ҷо монд,+
46 Ки ӯ дар ҳузури Худо илтифот ёфт ва дарҳост намуд, ки маскане
барои Худои Яъқуб омода кунад+.
47 Вале Сулаймон барои Ӯ хонае сохт+.
48 Аммо Ҳаққи Таоло дар маъбадҳои сохтаи дасти инсон маскан
намегирад, чунон ки набӣ гуфтааст:+
49 „Осмон, мегӯяд Худованд, курсии Ман аст,
ва замин пойандози Ман; чӣ гуна хонае барои Ман бино хоҳед кард
ва чӣ гуна маконе барои оромиши Ман?
50 Магар ҳамаи ин чизҳоро дасти Ман наофаридааст?“+
51 Эй гарданкашон! Эй соҳибони дилҳо ва гӯшҳои номахтун! Шумо
ҳамеша ба Рӯҳулқудс муқобилат мекунед, шумо низ монанди
падарони худ ҳастед:+
52 Кист аз анбиё, ки падарони шумо ӯро таъқиб накарда бошанд?
Онҳо касонеро куштанд, ки аз омадани Он Одил пешакӣ ҳабар дода
буданд, ва алҳол шумо худи Ӯро таслим кардед ва ба қатл расондед,+
53 Оре, шумо Тавротро, ки ба василаи фариштагон барқарор шуд,
қабул кардед, вале аз риояи он гардан тофтед»+.

## Риёзаткаши аввалин.

## Қайди якум дар бораи Павлус.

54 Чун инро шуниданд, он қадар дарғазаб шуданд, ки дандонҳои
худро ба ҳам месоиданд+.
55 Аммо ӯ, ки пур аз Рӯҳулқудс буд, сӯи осмон нигариста, ҷалоли
Худо ва Исоро, ки ба ямини Худо истода буд, дид+
56 Ва гуфт: «Инак, осмонро кушода ва Писари Одамро ба ямини
Худо истода мебинам»+.
57 Вале онҳо бо овози баланд фарьёд зада ва гӯшҳои худро маҳкам
карда, якдилона ба ӯ ҳамла оварданд

58 Ва аз шаҳр берун бароварда, сангсор карданд, ва шоҳидон
ҷомаҳои худро назди пойҳои ҷавоне ки Шоул ном дошт, гузоштанд+.
59 Вақте ки Истефанусро сангсор мекарданд, ӯ дуо меҳонду
мегуфт: «Эй Исои Худованд! Рӯҳи маро қабул кун»+.
60 Сонӣ зону зада, бо овози баланд нидо кард: «Худовандо! Ин
гуноҳро ба ҳисоби онҳо дохил накун». Инро гуфту ҷон дод+.

## Таъқиботи чорум.

## Шоул — таъқибкунандаи асосӣ.

8 1 Шоул низ ба қатли ӯ розӣ буд. Дар он рӯз таъқиботи шадиде
бар зидди аҳли калисои Ерусалим ба амал омад, ва ҳама, ғайр аз
ҳавворийён, ба ноҳияи Яҳудо ва Сомария пароканда шуданд;+
2 Мардуми некӯкор Истефанусро дафн карда, барои ӯ мотами
азиме гирифтанд.
3 Аммо Шоул аҳли калисоро азоб медод ва хона ба хона гашта,
мардон ва занонро кашола карда мебурду дар зиндон меандохт+.
4 Дар ин миён онҳое ки пароканда шуда буданд, ба ҳар ҷое ки
мерафтанд, аз калом башорат медоданд+.

## Хизматгузории Филиппус.

## Инҷил дар Сомария.

5 Чунончи, Филиппус ба як шаҳри Сомария омада, ба онҳо
Масеҳро мавъиза мекард;+
6 Мардум ба суханони Филиппус якдилона гӯш медоданд ва
мӯъҷизотеро, ки ба амал меовард, мешуниданд ва медиданд;
7 Зеро ки арвоҳи палид аз бисьёр мубталоён наъра кашида берун
мешуданд, ва мафлуҷону лангони бисьёре шифо меёфтанд,+
8 Ва шодии азиме дар он шаҳр падид омад.

## Шимъӯни ҷодугар.

9 Шимъӯн ном марде дар он шаҳр буд, ки пештар ҷодугарӣ мекард
ва мардуми Сомарияро дар ҳайрат меандохт ва худро шахси бузурге
вонамуд месохт;
10 Ҳама, аз хурд то калон, ба ӯ гӯш андохта, мегуфтанд: «Ин шахс
қуввати азими Худост».
11 Аз он сабаб ба ӯ гӯш меандохтанд, ки ӯ муддати дарозе онҳоро
бо ҷодугарии худ ба ҳайрат меоварда.
12 Лекин вақте ки ба башорати Филиппус дар бораи Малакути Худо
ва исми Исои Масеҳ имон оварданд, мардон ва занон таъмид
гирифтанд.

13 Худи Шимъӯн низ имон овард ва таъмид гирифт ва ҳамеша
ҳамроҳи Филиппус буд; ва аз дидани аломот ва мӯъҷизоти азиме ки
ба амал меомад, дар ҳайрат мемонд+.
14 Ҳаввориёне ки дар Ерусалим буданд, чун шуниданд, ки аҳли
Сомария каломи Худоро қабул кардаанд, Петрус ва Юҳанноро назди
онҳо фиристоданд,+
15 Ва чун омаданд, барои онҳо дуо гуфтанд, то ки Рӯҳулқудсро
қабул кунанд:+
16 Зеро ки Рӯҳ ҳанӯз бар ҳеҷ кадоме аз онҳо нозил нашуда буд,
балки фақат ба исми Исои Худованд таъмид ёфта буданд;+
17 Пас, дастҳои худро бар сари онҳо гузоштанд, ва онҳо
Рӯҳулқудсро қабул карданд+.
18 Шимъӯн, чун дид, ки бо дастгузории ҳаввориён Рӯҳулқудс ато
мешавад, ба онҳо пул овард
19 Ва гуфт: «Ин қудратро ба ман низ бидиҳед, то ки ба ҳар кас даст
гузорам, Рӯҳулқудсро қабул кунад».
20 Аммо Петрус ба вай гуфт: «Бигзор пулат бо ту нест шавад, чунки
ту гумон кардаӣ, ки атои Худоро ба бадали пул биҳарӣ;
21 Туро аз ин чиз насибе ва баҳрае нест, зеро ки дилат дар ҳузури
Худо рост намебошад;
22 Акнун аз ин шарорати ҳуд тавба кун ва ба Худо дуо гӯй: шояд, ин
қасди дилат омурзида шавад;+
23 Зеро мебинам, ки пур аз заҳраи талх ва гирифтори қайди
шарорат ҳастӣ».
24 Шимъӯн дар ҷавоб гуфт: «Шумо барои ман ба Худованд дуо гӯед,
то ки чизе аз он чи гуфтед, ба ман рӯй надиҳад»+.
25 Онҳо, пас аз он ки шаҳодат доданд ва каломи Худовандро
мавъиза карданд, ба Ерусалим баргаштанд ва дар бисьёре аз деҳоти
Сомария аз Инҷил башорат доданд+.

## Филиппус ва ҳабашӣ.

26 Фариштаи Худованд ба Филиппус гуфт: «Бархез ва ба тарафи
ҷануб, ба роҳе ки аз Ерусалим сӯи Ғазза меравад, ва роҳи биёбон аст,
равона шав»+.
27 Бархост ва равона шуд. Ва инак, шаҳси ҳабашӣ, хоҷасаро ва
кабири Кандока маликаи Ҳабаш, нигаҳбони тамоми хазинаи вай, ки

ба Ерусалим барои ибодат омада буд,+
28 Ба ватан бармегашт ва бар аробаи худ нишаста, китоби Ишаъёи
набиро мехонд.
29 Рӯҳ ба Филиппус гуфт: «Наздик биё ва ба он ароба ҳамроҳ
шав»+.
30 Филиппус ба он ҷо давида, шунид, ки китоби Ишаъёи набиро
меҳонад. Гуфт: «Оё мефаҳмӣ он чиро, ки мехонӣ?»
31 Гуфт: «Чӣ гуна фаҳмида метавонам, агар касе ба ман роҳнамоӣ
накунад?» Ва аз Филиппус хоҳиш кард, ки ба ароба савор шуда, бо ӯ
бинишинад+.
32 Порчае ки аз Навиштаҳо мехонд, ин буд:
«Мисли гӯсфанде Ӯро ба забҳ бурданд,
ва мисли баррае ки назди пашмтарошаш безабон аст,
Ӯ ҳамчунон даҳони Худро воз накард;
33 Дар таҳқири Ӯ инсофро аз Ӯ гирифтанд,
ва насли Ӯро кӣ шарҳ хоҳад дод?
Зеро ки ҳаёти Ӯ аз замин қатъ карда шуд»+.
34 Он хоҷасаро ба Филиппус гуфт: «Аз ту саволе дорам, ки набӣ
инро дар ҳаққи кӣ мегӯяд? Оё дар ҳаққи худаш ё дар ҳаққи каси
дигаре?»
35 Он гоҳ Филиппус даҳони худро кушод ва аз ҳамон Навишта сар
карда, ба ӯ аз Исо башорат дод+.
36 Дар ин миён, дар аснои роҳ, онҳо ба обе расиданд, ва хоҷасаро
гуфт: «Инак, об; ба таъмид гирифтанам чӣ чиз монеъ мешавад?»
37 Филиппус гуфт: «Агар аз тахти дил имон оварда бошӣ, ҷоиз аст».
Вай дар ҷавоб гуфт: «Имон дорам, ки Исои Масеҳ Писари Худост».
38 Сонӣ фармон дод, ки аробаро нигоҳ дорад, ва ҳар ду, Филиппус
ва хоҷасаро, ба об фуромаданд, ва ӯро таъмид дод.
39 Вақте ки аз об баромаданд, Рӯҳи Худованд Филиппусро
даррабуд, ва хоҷасаро дигар ӯро надида, роҳи худро бо хурсандӣ
давом дод+.
40 Аммо Филиппус дар Ашдӯд пайдо шуд ва дар ҳамаи шаҳрҳо
гашта, башорат медод, то даме ки ба Қайсария расид+.

## Имон овардани Шоул.

9 1 Шоул, ки ҳанӯз таҳдид ва қатл бар шогирдони Худованд
меангехт, назди саркоҳин рафт+
2 Ва аз ӯ номаҳо барои куништҳои Димишқ пурсида гирифт, то ки
агар марде ё занеро аз пайравони ин тариқат биёбад, бандӣ карда, ба
Ерусалим оварад.
3 Дар аснои роҳ, вақте ки ба Димишқ наздик омад, баногоҳ нуре аз
осмон давродаври ӯ дурахшид;+
4 Ӯ бар замин афтод ва овозе шунид, ки мегуфт: «Шоул, Шоул!
Барои чӣ Маро таъқиб мекунӣ?»
5 Гуфт: «Худовандо, Ту кистӣ?» Худованд гуфт: «Ман он Исо
ҳастам, ки ту Ӯро таъқиб мекунӣ; лагад заданат ба сихак душвор
аст».
6 Ва ӯ ба ларза ва даҳшат афтода, гуфт: «Худовандо! Чӣ амр
мефармоӣ, то ба ҷо оварам?» Ва Худованд дар ҷавоб гуфт: «Бархез ва
ба шаҳр бирав, ва дар он ҷо ба ту гуфта хоҳад шуд, ки чӣ бояд
бикунӣ».
7 Аммо онҳое ки ҳамсафари ӯ буданд, моту мабҳут меистоданд,
зеро ки он садоро шуниданд, лекин ҳеҷ касро надиданд+.
8 Шоул аз замин бархост, ва чашмонаш кушода бошад ҳам, ҳеҷ
касро намедид; аз дасташ гирифта, ӯро ба Димишқ бурданд;
9 Дар он ҷо се рӯз нобино монд, ва чизе нахӯрд ва нанӯшид.
10 Дар Димишқ Ҳанониё ном шогирде буд; Худованд дар рӯъё ба ӯ
гуфт: «Эй Ханониё!» Ҷавоб дод: «Лаббай, Худовандо!»+
11 Худованд ба ӯ гуфт: «Бархез ва ба кӯчае ки Рост ном дорад,
бирав ва Шоул ном тарсусиро дар ҳонаи Яҳудо суроғ кун, ки ӯ ҳоло ба
дуо машғул аст+
12 Ва Ханониё ном шахсеро дар рӯъё дидааст, ки омада, бар ӯ даст
гузоштааст, то ки бино шавад».
13 Ҳанониё дар ҷавоб гуфт: «Худовандо! Дар бораи ин одам аз
бисьёр касон шунидаам, ки дар Ерусалим ба муқаддасони Ту чӣ
қадар бадиҳо кардааст;
14 Дар ин ҷо низ аз саркоҳинон изн дорад, ки ҳамаи касонеро, ки
исми Туро мехонанд, бандӣ кунад».

[15] Аммо Худованд ба вай гуфт: «Ту бояд биравӣ, зеро ки ӯ зарфи
баргузидаи Ман аст, то ки исми Маро пеши халқхо ва подшоҳон ва
банӣ-Исроил эълон намояд;+
[16] Зеро ки Ман ба ӯ нишон хоҳам дод, ки барои исми Ман ӯ чӣ
қадар азобу уқубат бояд бикашад»+.
[17] Ҳанониё рафта, ба он хона даромад ва даст бар ӯ гузошта, гуфт:
«Эй бародар Шоул! Исои Худованд, ки дар роҳе ки меомадӣ, бар ту
зоҳир шуд, маро фиристод, то ки боз бино гардӣ ва аз Рӯҳулқудс пур
шавӣ»+.
[18] Дарҳол аз чашмони ӯ чизе монанди пулакча афтода, бино шуд,
ва бархоста, таъмид гирифт
[19] Ва ҳӯрок ҳӯрда, қувват гирифт. Якчанд рӯз Шоул бо шогирдон
дар Димишқ монд;+
[20] Дарҳол дар куништҳо дар ҳаққи Исо мавъиза кардан гирифт ва
гуфт, ки Ӯ Писари Худост.
[21] Ҳар кӣ суханонашро мешунид, дар ҳайрат афтода, мегуфт:
«Магар ин ҳамон касе нест, ки дар Ерусалим касонеро, ки ин исмро
ба забон меоварданд, несту нобуд мекард? Оё ба ин ҷо низ ӯ барои он
наомада буд, ки онҳоро бандӣ карда, назди саркоҳинон барад?»+
[22] Аммо Шоул дар мавъизаи худ торафт бештар қувват мегирифт
ва яҳудиёни сокини Димишқро дар ҳайрат андохта, исбот мекард, ки
Ҳамин Исо Масеҳ аст+.
[23] Баъд аз гузаштани якчанд вақт яҳудиён қасд карданд, ки ӯро
бикушанд+.
[24] Шоул аз қасди онҳо хабардор шуд; вале онҳо шабу рӯз назди
дарвозаи шаҳр поида меистоданд, то ки ӯро бикушанд.
[25] Шогирдон ӯро шабона гирифта, дар сабаде гузоштанд ва аз
девори шаҳр поён фуроварданд+.

## Павлус ба Ерусалим меояд.

[26] Вақте ки Шоул ба Ерусалим расид, ҳост ба шогирдон ҳамроҳ
шавад, лекин ҳама аз ӯ метарсиданд ва бовар намекарданд, ки ӯ
шогирд аст.
[27] Он гоҳ Барнаббо ӯро гирифта, назди ҳавворийён овард ва ба онҳо
нақл кард, ки чӣ гуна Худовандро дар роҳ дидааст, ва Худованд ба ӯ

сухан гуфтааст, ва чӣ гуна ӯ дар Димишқ ба исми Исо далерона
мавъиза намудааст+.
28 Пас аз он ӯ дар Ерусалим бо онҳо омаду рафт мекард ва ба исми
Исои Худованд далерона мавъиза менамуд.
29 Бо яҳудиёни юнонизабон низ гуфтугӯ ва мубоҳиса мекард, ва
онҳо қасд карданд, ки ӯро бикушанд+.

## Павлус ба Тарсус бармегардад.

30 Чун бародарон аз ин хабардор шуданд, ӯро ба Қайсария
фиристоданд ва аз он ҷо ба Тарсус гусел карданд+.
31 Он вақт аҳли калисоҳо дар сар то сари Яҳудо, Ҷалил ва Сомария
дар оромӣ буда, обод мешуданд ва модоме ки дар тарси Худованд ва
тасаллои Рӯҳулқудс рафтор мекарданд, меафзуданд.

## Петрус дар Лидда. Шифо ёфтани Аниёс.

32 Ва воқеъ шуд, ки Петрус дар тамоми ноҳия гашта, назди
муқаддасони сокини Лидда низ омад;
33 Дар он ҷо Аниёс ном шаҳсеро дид, ки ҳашт сол боз фалаҷ шуда,
болои бистар хобида буд.
34 Петрус ба ӯ гуфт: «Эй Аниёс! Исои Масеҳ туро шифо медиҳад; аз
бистарат бархез». Ӯ дарҳол бархост,+
35 Ва ҳамаи сокинони Лидда ва Сорӯн ӯро дида, ба Худованд рӯй
оварданд.

## Петрус дар Ёфо.

## Тобито аз мурдагон эҳъё шуд.

36 Дар Ёфо шогирде буд, зане ба номи Тобито, ки маънояш Ғизол
аст, ва ӯ хеле некӯкор буд ва садақоти бисьёре медод+.
37 Ва воқеъ шуд дар он айём, ки ӯ касал шуда, мурд, ва ӯро ғусл
дода, дар болоҳонае гузоштанд.
38 Азбаски Лидда ба Ёфо наздик буд, ва шогирдон шунида буданд,
ки Петрус дар он ҷост, ду касро назди ӯ фиристода, хоҳиш карданд,
ки бо зудӣ назди онҳо биёяд.
39 Петрус бархоста, бо онҳо рафт, ва чун расид, ӯро ба он болоҳона
бароварданд, ва ҳамаи бевазанон гирьякунон назди ӯ меистоданд ва

куртаю ҷомаҳоеро, ки Ғизол дар зиндагии худ дӯхта буд, ба ӯ нишон медоданд.
40 Петрус ҳамаро берун карда, зону зад ва дуо гуфт ва ба ҷасад рӯй оварда, гуфт: «Эй Тобито! Бархез!» Вай дарҳол чашмонашро кушод ва Петрусро дида, бинишаст+.
41 Аз дасташ гирифта, ба по хезонд ва муқаддасону бевазанонро даъват намуда, ӯро ба онҳо зинда супурд+.
42 Ин ҳодиса дар тамоми Ёфо овоза шуд, ва бисьёр касон ба Худованд имон оварданд.
43 Чандин рӯз ӯ дар Ёфо назди Шимъӯн ном даббоғе монд.

## Аз ҷиҳати рӯҳӣ бедор шудани Корнилюси мирисад.

**10** [1] Дар Қайсария Корнилюс ном марде мирисади фавҷи ба ном
Итолиявӣ буд
[2] Ва бо тамоми аҳли байташ парҳезгор ва ҳудотарс буда, ба қавм
садақоти бисьёре медод ва ҳамеша назди Худо дуо мегуфт+.
[3] Рӯзе, тақрибан соати нӯҳ, фариштаи Худоро ошкоро дар рӯъё
дид, ки назди ӯ омада, гуфт: «Эй Корнилюс!»+
[4] Ӯ бар вай нигариста ва ба ҳарос афтода, гуфт: «Худовандо, чӣ
мефармоӣ?» Ба ҷавоби ӯ гуфт: «Дуоҳо ва садақоти ту дар ҳузури Худо
зикр ёфтаанд;+
[5] Акнун ба Ёфо кас фиристода, Шимъӯнро, ки лақабаш Петрус аст,
даъват намо:
[6] Ӯ назди Шимъӯн ном даббоғе ки хонааш дар соҳили баҳр аст,
меҳмон аст; ӯ ба ту хоҳад гуфт, ки туро чӣ бояд кард»+.
[7] Чун он фариштае ки бо Корнилюс сухан гуфт, нопадид шуд, ӯ ду
нафар аз навкарони худ ва як сарбози парҳезгорро, аз онҳое ки дар
хизматаш буданд, даъват намуд
[8] Ва тамоми ҳодисаро ба онҳо нақл карда, онҳоро ба Ёфо
фиристод.

## Рӯъёи Петрус.

[9] Фардои он, ки онҳо роҳ паймуда, ба шаҳр наздик мешуданд,
Петрус тақрибан соати шаш ба боми хона баромад, то ки дуо гӯяд+.
[10] Дар он ҷо гурусна монда, хост чизе бихӯрад, ва ҳангоме ки
барои ӯ муҳайё мекарданд, ҳолати бехудӣ ӯро фаро гирифт,
[11] Ва осмонро кушода дид, ва инак зарфе сӯи ӯ нозил мешуд,
монанди суфраи калоне ки аз чор гӯшааш овезон ба замин
мефуромада бошад;
[12] Дар дохили он ҳар гуна чорвои замин, ҳайвоноти ваҳшӣ,
ҳазандагон ва мурғони ҳаво буданд.
[13] Хитобе ба гӯшаш расид, ки мегуфт: «Эй Петрус, бархоста, забҳ
кун ва бихӯр!»
[14] Аммо Петрус гуфт: «Ҳошо, Худовандо, зеро ки ҳаргиз чизе
ҳаром ё палид нахӯрдаам»+.

15 Бори дигар хитобе ба гӯшаш расид, ки мегуфт: «Он чи Худо пок
кардааст, ту ҳаром нахон»+.
16 Ин ҳодиса се бор такрор ёфт, ва он зарф ба осмон баромад.

## Фиристодагони Корнилюс назди Петрус.

17 Чун Петрус бисьёр мутаҳайир шуда, фикр мекард, ки ин рӯъё чӣ
маънӣ дошта бошад, фиристодагони Корнилюс ҳонаи Шимъӯнро
суроғ карда, назди дарвозаи он омаданд
18 Ва нидо карда, пурсиданд: «Оё Шимъӯне ки лақабаш Петрус аст,
дар ин ҷост?»
19 Дар сурате ки Петрус ҳанӯз дар бораи рӯъё андеша мекард, Рӯҳ
ба ӯ гуфт: «Инак, се мард туро суроғ мекунанд;+
20 Пас, бархоста, фуруд ой ва ҳеҷ шубҳа накарда, ҳамроҳи онҳо
бирав, зеро ки Ман онҳоро фиристодаам».
21 Петрус назди одамоне ки аз ҷониби Корнилюс сӯи ӯ фиристода
шуда буданд, фуромада, гуфт: «Манам он касе ки суроғ мекунед; ба
чӣ кор омадаед?»
22 Гуфтанд: «Корнилюси мирисад, ки марди некӯкор ва худотарс
ва назди тамоми қавми яҳудӣ некном аст, аз фариштаи муқаддас
фармон гирифтааст, ки туро ба хонаи худ даъват намояд ва
суханонатро бишнавад»+.

## Петрус ба Қайсария меравад.

23 Онҳоро ба хона таклиф карда, зиёфат дод, ва рӯзи дигар
бархоста, ҳамроҳашон равона шуд, ва чанд нафар аз бародарон, ки
аҳли Ёфо буданд, бо ӯ рафтанд.
24 Фардои он ба Қайсария расиданд. Корнилюс, ки хешу табор ва
дӯстони наздикашро даъват карда буд, ба онҳо интизорӣ дошт.
25 Вақте ки Петрус дохили хона мешуд, Корнилюс ӯро пешвоз
гирифт ва бар пойҳояш афтода, таъзим кард+.
26 Аммо Петрус ӯро ба по хезонда, гуфт: «Бархез, зеро ки ман низ
инсон ҳастам»+.
27 Бо ӯ сӯҳбаткунон ба хона даромада, дид, ки мардуми бисьёре
ҷамъ омадаанд;
28 Ба онҳо гуфт: «Шумо ҳуб медонед, ки ба яҳудӣ бо шахси бегона
муошират доштан ё наздик шудан мамнӯъ аст, вале Худо ба ман

дастур дод, ки ҳеҷ касро палид ё наҷис надонам;+
[29] Бинобар ин, вақте ки даъват шудам, бечуну чаро омадам, ва
акнун мепурсам: аз барои чӣ маро даъват намудаед?»
[30] Корнилюс гуфт: «Чор рӯз пеш аз ин ман то ҳамин соат рӯза
доштам ва дар соати нӯҳум дар хонаи худ дуо мегуфтам, ки ногоҳ
шахсе бо либоси нуронӣ пеши ман пайдо шуд
[31] Ва гуфт: „Эй Корнилюс! Дуоҳои ту мустаҷоб шуд ва садақоти ту
дар ҳузури Худо зикр ёфт;
[32] Акнун ба Ёфо фиристода, Шимъӯнро, ки лақабаш Петрус аст,
даъват намо: ӯ дар хонаи Шимъӯн ном даббоғе дар соҳили баҳр
меҳмон аст; ӯ чун биёяд, бо ту сухан хоҳад ронд“.
[33] Дарҳол назди ту фиристодам, ва ту ҳуб кардӣ, ки омадӣ; алҳол
ҳамаамон дар ҳузури Худо ҳозирем, то ҳар он чиро, ки Худо ба ту
фармудааст, бишнавем».

## Петрус дар хонаи Корнилюс ба халқҳо мавъиза менамояд.

[34] Петрус ба сухан оғоз карда, гуфт: «Акнун яқин донистам, ки
Худо рӯйбинӣ надорад+.
[35] Ва аз ҳар қавм ҳар кӣ аз Ӯ тарсад ва аз рӯи адолат рафтор кунад,
дар ҳузури Ӯ мақбул аст+.
[36] Ӯ каломи Худро ба банӣ-Исроил фиристода, ба василаи Исои
Масеҳ, ки Худованди ҳама аст, башорати сулҳу осоиштагӣ дод+.
[37] Шумо аз воқеае ки дар сар то сари Яҳудо рӯй дод, хабардор
ҳастед, ки он баъд аз таъмиде ки Яҳьё мавъиза намуд, аз Ҷалил оғоз
шуда буд:+
[38] Исои Носириро Худо бо Рӯҳулқудс ва қуввати Худ тадҳин кард,
ва Ӯ ба ҳама ҷо рафта, корҳои нек мекард ва ба ҳамаи онҳое ки дар
қайди иблис буданд, шифо мебахшид, зеро ки Худо бо Ӯ буд;+
[39] Мо шоҳидони ҳамаи он корҳое ҳастем, ки Ӯ дар кишвари
яҳудиён ва дар Ерусалим ба ҷо овард, ва онҳо Ӯро ба салиб овехта,
куштанд.
[40] Худо Ӯро дар рӯзи сеюм эҳьё кард, ва Ӯро зоҳир сохт.
[41] Аммо на бар тамоми қавм, балки ба шоҳидоне ки Худо пешакӣ
баргузида буд, яъне ба моён, ки баъд аз эҳьё шуданаш аз мурдагон,
бо Ӯ хӯрдаем ва нӯшидаем,

42 Ва Ӯ ба мо фармуд, ки ба мардум мавъиза намоем ва шаҳодат
диҳем, ки Худо Ӯро Довари зиндагон ва мурдагон таъин кардааст+.
43 Тамоми анбиё бар Ӯ шаҳодат медиҳанд, ки ҳар кӣ ба Ӯ имон
оварад, ба василаи исми Ӯ гуноҳҳояш омурзида ҳоҳад шуд»+.
44 Ин суханон ҳанӯз бар забони Петрус буд, ки Рӯҳулқудс бар
ҳамаи шунавандагони калом нозил шуд,
45 Ва имондорони махтун, ки ҳамроҳи Петрус омада буданд, дар
ҳайрат афтоданд, ки атои Рӯҳулқудс ба гайрияҳудиён низ ҷорӣ
шудааст,
46 Зеро шуниданд, ки онҳо ба забонҳо суҳан ронда, Худоро ҳамду
сано мехонанд. Он гоҳ Петрус гуфт:+
47 «Оё касе метавонад ба онҳое ки Рӯҳулқудсро мисли мо низ
ёфтаанд, бо об таъмид гирифтанро манъ кунад?»+
48 Ва фармуд, ки онҳоро ба исми Исои Масеҳ таъмид диҳанд. Ва аз
ӯ хоҳиш карданд, ки якчанд рӯз назди онҳо бимонад+.

## Петрус ба халқҳо хизматгузорӣ намуданашро сафед мекунад.

**11** 1 Ҳаввориён ва бародароне ки дар Яҳудо буданд, шуниданд,
ки гайрияҳудиён низ каломи Худоро қабул кардаанд.
2 Вақте ки Петрус ба Ерусалим омад, махтунон бар вай таъна
зада,+
3 Гуфтанд: «Назди мардуми номахтун рафта, бо онҳо хӯрок
хӯрдаӣ»+.
4 Вале Петрус ба ҳикояти муфассали ҳар он чи рӯй дода буд,
шурӯъ намуда, гуфт:
5 «Ман дар шаҳри Ёфо дуо мегуфтам ва дар ҳолати бехудӣ рӯъёе
дидам: зарфе нозил мешуд, мисли суфраи калоне ки аз чор гӯшааш
овезон аз осмон мефуромада бошад, ва инак он назди ман фуромад;+
6 Чун ба он нигариста, дурустакак аз назар гузарондам, чорвои
замин, ҳайвоноти ваҳшӣ, хазандагон ва мурғони ҳаворо дидам,
7 Ва овозе ба гӯшам расид, ки мегуфт: „Эй Петрус, бархоста, забҳ
кун ва бихӯр“.
8 Гуфтам: „Ҳошо, Худовандо, зеро ки ҳаргиз чизе ҳаром ё палид ба
даҳон набурдаам“.
9 Бори дигар хитобе аз осмон ба ҷавобам даррасид, ки мегуфт: „Он
чи Худо пок кардааст, ту ҳаром нахон“+.
10 Ин ҳодиса се бор такрор ёфт, ва ҳама чиз боз ба осмон баромад.
11 Ва инак, дар ҳамон лаҳза се марде ки аз Қайсария назди ман
фиристода шуда буданд, ба хонае ки иқомат доштам, расиданд,
12 Ва Рӯҳ ба ман гуфт, ки ҳеҷ шубҳа накарда, бо онҳо биравам; ин
шаш бародар низ ҳамроҳи ман рафтанд, ва мо ба хонаи он шахс
даромадем+.
13 Вай ба мо нақл кард, ки чӣ гуна дар хонаи худ фariштаро
дидааст, ки истода, ба вай гуфтааст: „Ба Ёфо фиристода, Шимъӯнро,
ки лақабаш Петрус аст, даъват намо,+
14 Ва ӯ ба ту суханоне бигӯяд, ки боиси наҷоти ту ва тамоми
хонадони ту хоҳанд шуд“.
15 Вақте ки ба сухан оғоз кардам, Рӯҳулқудс бар онҳо нозил шуд,
мисли он ки дар ибтидо бар мо нозил шуда буд+.
16 Он гоҳ ба ёд овардам, ки Худованд гуфта буд: „Яҳьё бо об таъмид
медод, лекин шумо бо Рӯҳулқудс таъмид хоҳед ёфт“+.

17 Пас, модоме ки Худо ба онҳо ҳамон бахшоишро ато кардааст, ки
ба мо ато кард, вақте ки ба Исои Масеҳи Худованд имон овардем, ман
кистам, ки тавонам ба Худо монеъ шавам?»+
18 Вақте ки инро шуниданд, ором шуданд ва Худоро ҳамду сано
хонда, гуфтанд: «Дар ҳақиқат Худо ба ғайрияҳудиён низ тавбаи
ҳаётбахшро ато кардааст».

## Калисо дар Антиёхия.

19 Дар ин миён ба сабаби таъқиботе ки баъд аз Истефанус ба амал
омад, бисьёр касон пароканда шуда, то Финиқия ва Қаприс ва
Антиёхия расиданд, ва онҳо каломро ба ҳеҷ кас, ғайр аз яхудиён,
мавъиза намекарданд+.
20 Лекин баъзе аз онҳо, ки аз аҳли Қаприс ва Қурин буданд, ба
Антиёхия расида, бо юнониён гуфтугӯй карданд ва аз Исои Худованд
башорат доданд,
21 Ва дасти Худованд бар онҳо буд, ва шумораи бузурге имон
оварда, ба Худованд руҷӯъ карданд.
22 Вақте ки овозаи ин ба гӯши аҳли калисои Ерусалим расид,
Барнабборо ба Антиёхия фиристоданд+.
23 Чун расид, файзи Худоро дида, шод шуд, ва ҳамаро насиҳат
кард, ки аз самими қалб ба Худованд бичаспанд;
24 Зеро ки ӯ марди некӯкор ва пур аз Рӯҳулқудс ва имон буд; ва
мардуми бисьёре ба Худованд имон оварданд+.
25 Сонӣ Барнаббо барои ҷустуҷӯи Шоул ба Тарсус рафт ва ӯро ёфта,
ба Антиёхия овард+.
26 Тамоми сол онҳо дар калисо ҷамъ мешуданд ва мардуми
бисьёрро таълим медоданд, ва шогирдон аввалин бор дар Антиёхия
масеҳӣ номида шуданд.

## Калисои Антиёхия ба бародароне ки дар Ерусалим буданд, мадад мерасонад.

27 Ва воқеъ шуд дар он айём, ки якчанд анбиё аз Ерусалим ба
Антиёхия омаданд+.
28 Яке аз онҳо, ки Оғобус ном дошт, бархост ва аз Рӯҳ илҳом ёфта,
пешгӯӣ кард, ки дар тамоми ҷаҳон қаҳтии сахте рӯй хоҳад дод; он
дар замони қайсар Клавдиюс рӯй дод;+

29 Он гоҳ шогирдон қарор доданд, ки ҳар яке алоқадри дороии худ
ионате барои бародарони сокини Яҳудо равона кунад;
30 Ҳамин тавр ҳам карданд, ва онро ба василаи Барнаббо ва Шоул
ба пирон фиристоданд.

## Таъқиботи панҷум дар подшоҳии Ҳиродуси Ағрипоси 1.

## Ҳабс шудани Петрус.

12 [1] Дар он замон подшоҳ Ҳиродус дасти тааддӣ бар баъзе аз
аҳли калисо дароз кард, то ки онҳоро азоб диҳад.
[2] Ва Яъқуб, бародари Юҳанноро ба шамшер кушт;+
[3] Чун дид, ки ин ба яҳудиён писанд афтод, Петрусро низ дастгир
кард, ки ин дар айёми иди фатир буд,+
[4] Ва ӯро гирифта, ба зиндон андохт ва ба чор дастаи чоргонаи
сарбозон супурд, ки ӯро посбонӣ кунанд, зеро ният дошт, ки баъд аз
иди фисҳ ӯро назди қавм берун оварад+.

## Дуои калисо дар бораи Петрус.

## Фариштаи Худо.

[5] Пас, Петрусро дар зиндон нигоҳ медоштанд, аммо аҳли калисо
барои ӯ назди Худо пайваста дуо мегуфтанд+.
[6] Дар ҳамон шабе ки Ҳиродус касди берун овардани ӯро дошт,
Петрус, бастаи ду занҷир, дар миёни ду сарбоз ҳобида буд, ва
дарбонон зиндонро посбонӣ мекарданд.
[7] Ва инак, фариштаи Худованд назди ӯ ҳозир шуд, ва рӯшноӣ дар
он ҳона дурахшид; ба паҳлуи Петрус зада, ӯро бедор кард ва гуфт:
«Зуд барҳез». Дарҳол занҷирҳо аз дастҳояш афтод+.
[8] Фаришта ба ӯ гуфт: «Камари худро бибанд ва кафш бар пой кун».
Ва чунин кард. Сонӣ ба ӯ гуфт: «Ҷомаи худро бипӯш ва аз қафои ман
биё».
[9] Берун омада, аз қафои вай равона шуд, ва надонист, ки он чи аз
фаришта содир шуд, воқеист, балки гумон мекард, ки ин рӯъёест.
[10] Аз пеши посбонони аввал ва дуюм гузашта, ба дарвозаи оҳанине
ки ба сӯи шаҳр мебурд, расиданд, ва он худ аз худ пеши рӯи онҳо
кушода шуд; онҳо берун рафта, аз як кӯча гузаштанд, ки ногаҳон
фаришта аз пеши ӯ нопадид шуд+.
[11] Петрус ба худ омада, гуфт: «Акнун яқин донистам, ки Худованд
фариштаи Худро фиристода, маро аз дасти Ҳиродус ва аз он чи қавми
яҳудӣ чашм доштанд, раҳо кард»+.

12 Инро аз фикри худ гузаронда, ба ҳонаи Марьям, модари Юҳанно,
ки лақабаш Марқӯс буд, омад, ки дар он ҷо касони бисьёре ҷамъ
шуда, дуо мегуфтанд+.
13 Вақте ки дарвозаро кӯфт, Рудо ном канизе баромад, то ки воз
кунад,
14 Ва овози Петрусро шиноҳта, ба ҷои он ки дарвозаро кушояд, аз
шодӣ ба ҳона давида даромад ва хабар дод, ки Петрус назди дарвоза
истодааст.
15 Ба вай гуфтанд: «Магар девона шудаӣ?» Аммо вай ба гапаш
исрор кард. Гуфтанд: «Ин фариштаи ӯст»+.
16 Аммо Петрус пайваста тақ-тақ мекард; вақте ки кушоданд, ӯро
дида, дар ҳайрат афтоданд.
17 Ӯ бо дасташ ишорат кард, ки хомӯш бошанд, ва ба онҳо нақл
кард, ки чӣ гуна Худованд ӯро аз зиндон берун овард; ва гуфт: «Инро
ба Яъқуб ва ба бародарон ҳабар диҳед». Сонӣ берун баромада, ба ҷои
дигар рафт+.
18 Чун субҳ дамид, изтироби бузурге дар байни сарбозон афтод, ки
Петрусро чӣ шуд,
19 Ва Ҳиродус, чун ӯро талабида наёфт, посбононро истинтоқ
карда, фармуд, ки онҳоро ба қатл расонанд, ва худаш аз Яҳудо ба
Қайсария рафта, дар он ҷо иқомат кард.

## Заволи Ҳиродус.

20 Ҳиродус ба мардуми Сӯр ва Сидӯн бисьёр ҳашмгин буд, ва онҳо,
маслиҳатро ба як ҷо монда, назди ӯ омаданд ва Блостусро, ки нозири
ҳобгоҳи подшоҳ буд, ба тарафи худ кашида, талаби сулҳ карданд,
чунки диёрашон аз кишвари подшоҳ асбоби маишат меёфт.
21 Дар рӯзи таъиншуда Ҳиродус либоси шоҳона дар бар кард ва бар
маснади хукумат нишаста, ба онҳо нутқ кард,
22 Ва мардум нидо карда гуфтанд, ки ин овози Худост, на овози
инсон.
23 Лекин баногоҳ фариштаи Худованд ӯро зад, зеро ки ӯ Худоро
ҷалол надод, ва кирмҳо ӯро хӯрданд, ва ӯ мурд+.
24 Аммо каломи Худо торафт бештар интишор меёфт+.
25 Барнаббо ва Шоул, баъд аз иҷрои хизматашон, аз Ерусалим
баргаштанд, ва Юҳанноро, ки лақабаш Марқӯс буд, ҳамроҳи худ

овarданд+.

## Рӯҳулқудс Павлус ва Барнабборо даъват менамояд.

13 1 Дар калисои Антиёҳия якчанд нафар анбиё ва муаллимон
буданд, чунончи: Барнаббо ва Шимъӯн, ки лақабаш Ниҷар буд,
ва Лукюси Қуринӣ ва Манохим, ки бо тетрарх Ҳиродус дар як ҷо
тарбият ёфта калон шуда буд, ва Шоул+.
2 Вақте ки онҳо ба ибодати Худованд ва рӯзадорӣ машғул буданд,
Рӯҳулқудс гуфт: «Барнаббо ва Шоулро аз баҳри коре ки барояш
онҳоро даъват намудаам, ба Ман ҷудо кунед»+.

## Сафари якуми Павлус ба ҷазираи Қаприс.

3 Баъд аз рӯза гирифтан ва дуо гуфтан даст бар сари онҳо
гузоштанд ва онҳоро равона карданд.
4 Онҳо, ки фиристодагони Рӯҳулқудс буданд, ба Салукия омаданд
ва аз он ҷо бо киштӣ ба Қаприс рафтанд
5 Ва вориди Саломис шуда, дар куништҳои яҳудиён каломи
Худоро мавъиза карданд; Юҳанно низ мулозими онҳо буд+.

## Муқобилияти Алимои ҷодугар.

6 Чун тамоми ҷазираро то ба Пофус тай карданд, як ҷодугари
яҳудиро ёфтанд, ки набии козиб буд ва Барюшаъ ном дошт;+
7 Ӯ бо волӣ Сарҷиюс Павлус ҳамнишин буд. Волӣ, ки марди
бофаҳм буд, Барнаббо ва Шоулро даъват намуда, хост каломи Худоро
бишнавад.
8 Аммо Алимои чодугар, ки тарҷимаи номаш чунин аст, ба онҳо
мухолифат карда, хост волиро аз имон овардан боздорад.
9 Вале Шоул, ки Павлус низ ном дошт, аз Рӯҳулқудс пур шуда, ба ӯ
назар дӯхт+
10 Ва гуфт: «Эй манбаи ҳар макру шарорат, эй фарзанди иблис ва
душмани ҳама гуна адолат! Оё аз роҳи рости Худованд баровардани
мардумро бас намекунӣ?
11 Ҳоло дасти Худованд туро хоҳад зад, ва нобино гашта, нури
офтобро то муддате нахоҳӣ дид». Ногаҳон дуньё дар назараш тираву
тор шуд, ва ӯ ба ҳар сӯ рӯ оварда, асокаше меҷуст.
12 Чун волӣ ин ҳодисаро дид, аз таълими Худованд мутаҳайир
шуда, имон овард.

13 Павлус ва ҳамроҳонаш Пофусро тарк карда, бо киштӣ ба Пирҷаи
Памфилия омаданд, аммо Юҳанно аз онҳо ҷудо шуда, ба Ерусалим
баргашт+.

## Мавъизаи Павлус дар куништи Писидия.

14 Онҳо аз Пирҷа гузашта, ба Антиёҳияи Писидия расиданд ва рӯзи
шанбе ба куништ даромада, нишастанд.
15 Баъд аз қироати Таврот ва суҳафи анбиё, сардорони куништ
назди онҳо кас фиристода, гуфтанд: «Эй бародарони азиз! Агар
каломи насиҳатомезе барои қавм дошта бошед, бигӯед»+.
16 Павлус барҳоста ва бо дасташ ишора карда, гуфт: «Эй мардони
исроилӣ ва худотарсон! Гӯш диҳед:
17 Худои қавми Исроил падарони моро баргузид ва ин қавмро,
ҳангоме ки дар ғурбати замини Миср буданд, сарафроз кард, ва
онҳоро бо бозуи зӯрманд аз он ҷо берун овард;+
18 Қариб чиҳил сол онҳоро дар биёбон ғизо дод;+
19 Ҳафт қавмро дар замини Канъон несту нобуд карда,
заминашонро ҳамчун мерос ба онҳо тақсим кард,+
20 Дар давоми тақрибан чорсаду панҷоҳ сол. Пас аз он, то замони
Самуили набӣ, доваронро ба онҳо бахшид;
21 Сонӣ барои худ подшоҳ талабиданд, ва Худо Шоул ибни Кисро аз
сибти Биньёмин ба онҳо дод, ки муддати чиҳил сол салтанат ронд;+
22 Вақте ки ӯро аз миён бардошт, Довудро бар онҳо подшоҳ таъин
кард ва дар ҳаққи ӯ шаҳодат дода, гуфт: „Довуд ибни Йисойро
мувофиқи табъи дили Худ ёфтам, ки ӯ тамоми хостаи Маро ба ҷо
хоҳад овард“+.
23 Ин ҳамон касест, ки Худо аз насли ӯ, мувофиқи ваъдаи Худ,
барои Исроил Наҷотдиҳандае, яъне Исоро ба миён овард;
24 Пеш аз омадани Ӯ Яҳъё ба тамоми қавми Исроил таъмиди
тавбаро мавъиза кард+.
25 Чун Яҳъё ҳизмати худро анҷом дод, гуфт: „Ман он касе ки шумо
гумон мекунед, нестам; лекин баъд аз ман Касе меояд, ки ман
сазовори он нестам, ки банди пойафзоли Ӯро воз кунам“+.
26 Эй бародарон, эй фарзандони насли Иброҳим ва касоне ки аз
байни шумо худотарс ҳастанд! Каломи ин наҷот ба шумо фиристода
шудааст.

[27] Зеро ки сокинони Ерусалим ва сардорони онҳо Ӯро нашинохта
ва маҳкум карда, гуфтаҳои анбиёро, ки ҳар рӯзи шанбе қироат
мешавад, ба иҷро расонданд,+
[28] Ва гарчанде ки аз Ӯ ҳеҷ айби сазовори марг наёфта буданд, аз
Пилотус хоҳиш карданд, ки Ӯро бикушад;+
[29] Пас аз он ки ҳар чизи дар бораи Ӯ навишташударо ба иҷро
расонданд, Ӯро аз салиб фуроварда, ба қабр супурданд+.
[30] Лекин Худо Ӯро аз мурдагон эҳьё кард,+
[31] Ва Ӯ рӯзҳои бисьёр ба касоне зоҳир шуд, ки ҳамроҳи Ӯ аз Ҷалил
ба Ерусалим омада буданд ва ҳоло дар пеши қавм шоҳидони Ӯ
мебошанд+.
[32] Мо ба шумо башорат медиҳем, ки Худо ваъдаеро, ки ба
падарони мо дода буд, барои мо, фарзандони онҳо, ба иҷро расонда,
Исоро эҳьё кард,+
[33] Чунон ки дар таронаи дуюми Забур навишта шудааст: „Ту
Писари Ман ҳастӣ, Ман имрӯз Падари Ту шудаам“.
[34] Дар бораи он ки Ӯро аз мурдагон эҳьё кард, то ки дигар ба фано
дучор нашавад, чунин гуфт: „Марҳаматҳои боэътимоди Довудро ба
шумо хоҳам бахшид“+.
[35] Бинобар ин дар ҷои дигар низ мегӯяд: „Нахоҳӣ гузошт, ки
Қуддуси Ту фаноро бубинад“+.
[36] Довуд дар замони худ бо иродати Худо хизмат карда, вафот ёфт
ва ба падарони худ пайваст ва фаноро дид;+
[37] Аммо Он Касе ки Худо Ӯро эҳьё кард, фаноро надид.
[38] Пас, эй бародарон, ба шумо маълум бод, ки ба воситаи Ӯ ба
шумо омурзиши гуноҳҳо эълон мешавад,+
[39] а аз ҳар чизе ки ба василаи шариати Мусо сафед шуда
натавонистед, ҳар имондор ба василаи Ӯ сафед хоҳад шуд+.
[40] Пас эҳтиёт бошед, мабодо он чи дар суҳафи анбиё гуфта
шудааст, ба шумо рӯй диҳад:+
[41] „Эй мутанаффирон, бингаред ва тааҷҷуб намоед ва маҳв шавед,
зеро ки Ман амалеро дар айёми шумо содир менамоям,
амале ки агар касе онро ба шумо нақл мекард,
бовар намекардед“».
[42] Вақте ки яҳудиён аз куништ баромаданд, гайрияҳудиён хоҳиш
карданд, ки рӯзи шанбеи оянда низ ин суханонро ба онҳо бигӯянд;

43 Чун аҳли куништ пароканда шуданд, бисьёре аз яҳудиён ва
онҳое ки чанде пеш дини яҳудиро қабул карда буданд, аз паи Павлус
ва Барнаббо рафтанд, ва ин ду нафар ба онҳо сухан гуфта, тарғиб
менамуданд, ки дар файзи Худо устувор бошанд+.
44 Рӯзи шанбеи дигар қариб тамоми аҳли шаҳр ҷамъ омаданд, то
ки каломи Худоро бишнаванд;
45 Вале чун яҳудиён издиҳоми мардумро диданд, аз ҳасад пур
гаштанд ва куфр гуфта, ба суханони Павлус мухолифат карданд+.

## Павлус ва Барнаббо назди халқҳо мераванд.

46 Он гоҳ Павлус ва Барнаббо далер шуда, гуфтанд: «Воҷиб буд, ки
каломи Худо аввал ба шумо мавъиза карда шавад, лекин азбаски
шумо онро рад кардед ва худро шоистаи ҳаёти ҷовидонӣ надонистед,
бинобар ин мо ба ғайрияҳудиён рӯ меоварем;+
47 Зеро ки Худованд ба мо чунин амр фармудааст:
„Туро нури халқҳо гардондам,
то ки Ту то ақсои замин василаи наҷот бошӣ“»+.
48 Вақте ки ғайрияҳудиён инро шуниданд, шод шуда, каломи
Худовандро ҳамду сано хонданд, ва ҳамаи онҳое ки барои ҳаёти
ҷовидонӣ пешакӣ таъин шуда буданд, имон оварданд,
49 Ва каломи Худованд дар тамоми он сарзамин интишор ёфт.
50 Яҳудиён занони диндору иззатманд ва акобири шаҳрро ба шӯр
оварда, барои таъқиб кардани Павлус ва Барнаббо барангехтанд ва
онҳоро аз он ноҳия ронданд+.
51 Аммо ин ду нафар, ғубори пойҳои худро бар онҳо афшонда, ба
Иқуния равона шуданд,+
52 Ва шогирдон аз шодӣ ва Рӯҳулқудс пур шуданд+.

## Хизматгузорӣ дар Иқуния.

**14** [1] Дар Иқуния бо ҳам ба куништи яҳудиён даромада, тавре
сухан гуфтанд, ки шумораи зиёде аз яҳудиён ва юнониён имон
оварданд+.
[2] Аммо яҳудиёне ки имон наоварда буданд, дилҳои
ғайрияҳудиёнро шӯронида, ба муқобили бародарон барангехтанд.
[3] Муддати дарозе дар он ҷо монда, дар бораи Худованд далерона
сухан мегуфтанд, ва Ӯ ба каломи файзи Худ шаҳодат дода, ба василаи
онҳо аломоту мӯъҷизот ато мекард+.
[4] Дар ин миён мардуми шаҳр ду тақсим шуданд, ки як қисмашон
тарафдори яҳудиён ва қисми дигарашон тарафдори ҳавворнён
буданд+.
[5] Вақте ки ғайрияҳудиён ва яҳудиён бо сардорони худ ба онҳо
ҳуҷум оварданд, то ки онҳоро тамасхур ва сангсор кунанд,

## Хизматгузорӣ дар Дарба ва Лустра.

[6] Онҳо огоҳӣ ёфта, ба Лустра ва Дарба, шаҳрҳои Леконня ва атрофи
он фирор карданд,+
[7] Ва дар он чо башорат медоданд.

## Дар Лустра шифо ёфтани марде ки пойҳояш беҳаракат буд.

[8] Дар Лустра марде нишаста буд, ки пойҳояш беҳаракат буд ва аз
шиками модар ланг буда, ҳаргиз роҳ нарафта буд+.
[9] Вай сухани Павлусро мешунид; Павлус ба вай нигарист ва чун
дид, ки имон ба шифо дорад,+
[10] Бо овози баланд ба вай гуфт: «Бар пойхои худ рост биист». Вай
дарҳол ҷаста хесту ба роҳ рафтан даромад+.
[11] Вақте ки мардум ин амали Павлусро диданд, овози худро
баланд карда, ба забони леконӣ гуфтанд: «Худоён ба сурати инсон
назди мо фуромадаанд»+.
[12] Барнабборо Зевс ва Павлусро Ҳермис номиданд, зеро ки ӯ
сарвари нотиқон буд.
[13] Коҳини маъбади Зевс, ки дар беруни шаҳр воқеъ буд, барзаговон
ва тоҷҳои гул назди дарвозаи шаҳр овард ва мехост бо якҷоягии
мардум қурбонӣ кунад+.

14 Ҳамин ки ҳавввориён Барнаббо ва Павлус инро фаҳмиданд,
ҷомаҳои худро дарронида, ба миёни мардум давида даромаданд ва
фарьёд зада гуфтанд:+
15 «Эй мардон! Чаро чунин мекунед? Мо низ мисли шумо одамони
ноқис ҳастем ва ба шумо башорат медиҳем, ки аз бутҳои худ гашта,
ба Худои Ҳай руҷӯъ намоед, ки Ӯ осмон ва замин ва баҳр ва он чиро,
ки дар онҳост, офаридааст,+
16 Ва дар наслҳои пешина ҳамаи халқҳоро гузоштааст, ки
мувофиқи тариқати худ рафтор кунанд,+
17 Гарчанде ки ҳамеша бо некиҳояш аз вуҷуди Худ шаҳодат дода,
ба мо аз осмон борон меборонад, фаслҳои боровар мебахшад, ба мо
ғизо медиҳад ва дилҳои моро аз шодмонӣ пур мекунад»+.
18 Бо ин суханон мардумро аз қурбонӣ кардан барояшон базӯр
боздоштанд.
19 Дар ин миён аз Антиёхия ва Иқуния яҳудиён расида омаданд ва
мардумро барангехта, Павлусро сангсор карданд ва, ба гумони он ки
мурдааст, аз шаҳр берун кашиданд+.

## Павлус дар Дарба.

## Рафта дидани калисоҳои барпошуда.

[20] Вақте ки шогирдон дар гирди ӯ ҷамъ омаданд, бархоста, ба шаҳр
даромад ва фардои он бо Барнаббо сӯи Дарба равона шуд.
[21] Дар ин шаҳр низ башорат дода, шогирдони зиёде пайдо карданд
ва боз ба Лустра, Иқуния ва Антиёхия ворид шуданд.
[22] Ва дилҳои шогирдонро тақвият дода, панд мегуфтанд, ки «дар
имон устувор бошед, зеро ки мо бояд бо мусибатҳои бисьёр дохили
Малакути Худо гардем»+.

## Таъин кардани пирон дар ҳар калисо.

## Баргаштан ба Антиёхия.

[23] Дар ҳар калисо барои онҳо пиронро таъин карданд ва бо дуо ва
рӯза онҳоро ба Худованде ки ба Ӯ имон оварда буданд, супурданд+.
[24] Аз Писидия гузашта, ба Памфилия омаданд
[25] Ва дар Пирҷа каломи Худовандро мавъиза намуда, ба Аттолия
фуромаданд;
[26] Боз ба киштӣ савор шуда, ба Антиёхия рафтанд, ки дар ҳамон ҷо
онҳо, ба хотири хизмате ки ба ҷо оварданд, ба файзи Худо супурда
шуда буданд+.
[27] Чун расиданд, аҳли калисоро ҷамъ оварда, аз он чи Худо бо онҳо
ба амал оварда буд ва чӣ гуна Ӯ дарвозаи имонро ба рӯи
ғайрияҳудиён кушода буд, нақл карданд;
[28] Ва муддати дарозе дар он ҷо бо шогирдон монданд.

## Ҷамъомад дар Ерусалим.

## Масъалаи хатна.

15 [1] Баъзе касон аз Яҳудо омада ва бародаронро таълим дода,
мегуфтанд: «Агар мувофиқи оини Мусо махтун нашавед, наҷот
ёфта наметавонед»+.
[2] Пас аз он ки Павлус ва Барнаббо бо онҳо мунозира ва мубоҳисаи
бисьёре карданд, қарор дода шуд, ки Павлус ва Барнаббо ва чанд
нафари дигар аз онҳо барои ҳалли ин масъала назди ҳаввориён ва
пирон ба Ерусалим бираванд+.
[3] Аҳли калисо онҳоро гуселониданд, ва ҳангоме ки онҳо аз
Финиқия ва Сомария мегузаштанд, имон овардани ғайрияҳудиёнро
ҳикоят карданд, ва ин хабар ҳамаи бародаронро бағоят шод гардонд.
[4] Чун ба Ерусалим расиданд, аҳли калисо, ҳавворион ва пирон
онҳоро пазирой карданд, ва онҳо аз он чи Худо бо онҳо ба амал
оварда буд, нақл карданд.
[5] Баъзе аз фарисиён, ки имон оварда буданд, бархоста, гуфтанд, ки
онҳоро бояд хатна карда, амр фармоянд, ки шариати Мусоро риоя
кунанд.
[6] Ҳавворион ва пирон ҷамъ шуданд, то ки ин масъаларо муҳокима
намоянд.
[7] Баъд аз муҳокимаи бисьёр Петрус бархоста, ба онҳо гуфт: «Эй
бародарон! Шумо медонед, ки аз рӯзҳои аввал Худо аз миёни ҳамаи
мо маро баргузид, то ки гайрияҳудиён каломи Инҷилро аз забони
ман бишнаванд ва имон оваранд;+
[8] Худои Орифулқалб ба онҳо бо чунин васила шаҳодат дод, ки
Рӯҳулқудсро ба онҳо низ бахшид, чунон ки ба мо бахшидааст,+
[9] Ва дар байни мо ва онҳо ҳеҷ фарқе нагузошта, дилҳои онҳоро бо
имон пок сохт+.
[10] Пас чаро акнун Худоро озмуда, бар гардани шогирдон юғе
меандозед, ки онро ҳам падарони мо ва ҳам мо бардошта
натавониста будем+?
[11] Лекин мо ба файзи Исои Масеҳи Худованд эътиқод дорем ва
наҷот меёбем, ҳамчунон ки онҳо низ»+.

[12] н гоҳ тамоми аҳли маҷлис сокит шуда, ба ҳикояти Барнаббо ва
Павлус дар бораи аломоту мӯъҷизоте ки Худо дар миёни
гайрияҳудиён ба василаи онҳо ба амал оварда буд, гӯш доданд.
[13] Ҳамин ки нутқи онҳо ба охир расид, Яъқуб ба сухан оғоз карда,
гуфт: «Эй бародарон! Ба ман гӯш диҳед:+
[14] Шимъӯн фаҳмонда дод, ки чӣ гуна Худо аввал ба гайрияҳудиён
назар андохт, то ки аз миёни онҳо қавме ба исми Худ бигирад;
[15] Гуфтаҳои анбиё низ ба ин мутобиқ аст, чунон ки навишта
шудааст:
[16] „Баъд аз ин руҷӯъ намуда, хаймаи Довудро,
ки фурӯ ғалтидааст,
аз нав барқарор мекунам ва харобаҳои онро обод мегардонам ва
барпо менамоям,
[17] То ки бақияи мардум ва ҳамаи халқҳое ки исми Ман дар байни
онҳо хонда мешавад, толиби Худованд гарданд, мегӯяд Худованде ки
ҳамаи инро ба амал меоварад“+.
[18] Ба Худо ҳамаи корҳояш абадан маълум аст.

## Халқҳо ба Таврот тобеъ нестанд.

[19] Пас, фикри ман ин аст, ки касонеро, ки аз миёни ҳалқҳо ба Худо
руҷӯъ менамоянд, ба душворӣ наандозем,
[20] Балки ба онҳо фақат дастуре бинависем, ки аз наҷосати бутҳо,
аз зино, аз гӯшти ҳайвоноти буғишуда ва аз хун парҳез кунанд;+
[21] Зеро ки Мусо аз наслҳои қадим дар ҳамаи шаҳрҳо воизони
худро дорад, ва дар куништҳо ҳар рӯзи шанбе қироат мешавад».
[22] Он гоҳ ҳавворийён ва пирон бо тамоми аҳли калисо ба қароре
омаданд, ки чанд касро аз миёни худ интихоб карда, ҳамроҳи Павлус
ва Барнаббо ба Антиёхия фиристонанд; онҳо Яҳудоро, ки лақабаш
Барсаббо буд, ва Силоро интихоб карданд, ки ин ду нафар аз
пешвоёни бародарон буданд;+
[23] Ва номае ба ин мазмун навишта, ба дасти онҳо супурданд:
«Ҳавворийён ва пирон ва бародарон
ба бародароне ки аз байни гайрияҳудиён дар Антиёҳия,
Сурия ва Қилиқия ҳастанд, салом мерасонанд.
[24] Чун шунидем, ки аз миёни мо баъзе касон шуморо бо суханони худ
мушавваш

соҳтаанд ва дилҳои шуморо ба шакку шубҳа андохтаанд ва гуфтаанд,
ки „бояд хатна кунед ва шариатро риоя намоед“,
ва ҳол он ки мо ба онҳо чунин дастуре надодаем,+
25 Бинобар ин мо якдилона ба қароре омадем,
ки чанд нафарро интихоб намуда,
назди шумо равона кунем,
ҳамроҳи азизони худ Барнаббо ва Павлус,
26 Ки ҷонҳои худро аз барои исми Худованди мо Исои Масеҳ нисор кардаанд.
27 Пас, Яҳудо ва Силоро фиристодаем,
ки онҳо низ ҳамин чизҳоро ба шумо даҳанакӣ баён хоҳанд кард.
28 Зеро ки Рӯҳулқудс ва мо савоб дидем,
ки ба зиммаи шумо боре нагузорем, ҷуз воҷиботи зерин:+
29 Аз қурбониҳои бутҳо, аз ҳун,
аз гӯшти ҳайвоноти буғишуда ва аз зино парҳез кунед;
ҳар гоҳ аз ин чизҳо худро нигоҳ доред, кори хубе мекунед.
Саломат бошед».

30 Вақте ки фиристодагон ба Антиёхия омаданд, мардумро ҷамъ карда, номаро супурданд.

31 Онро ҳонда, аз мазмуни тасаллибахшаш шодмон шуданд.

32 Яҳудо ва Сило, ки низ набӣ буданд, бародаронро бо суханони бисьёр насиҳат ва тақвият доданд+.

33 Баъд аз он ки муддате дар он ҷо монданд, бародарон онҳоро ба саломатӣ назди ҳавворийён равона карданд;

34 Вале Сило дар он ҷо монданӣ шуд.

35 Павлус ва Барнаббо дар Антиёхия иқомат намуда, бо ҳамроҳии бисьёр касони дигар каломи Худовандро таълим ва башорат медоданд+.

## Сафари дуюми Павлус.

## Ҷудоӣ аз Барнаббо.

36 Чун якчанд рӯз гузашт, Павлус ба Барнаббо гуфт: «Акнун гашта равем ва дар ҳар шаҳре ки каломи Худовандро мавъиза карда будем, бародарони худро бубинем, ки аҳволашон чӣ гуна аст».

37 Барнаббо меҳост Юҳанноро, ки лақабаш Марқӯс буд,
ҳамроҳашон бибаранд,+
38 Аммо Павлус салоҳ надонист, ки шахсеро, ки дар Памфилия аз
онҳо ҷудо шуда, дар корашон то ба охир ҳамроҳӣ накарда буд, бо худ
бибаранд+.
39 Ба ин сабаб низое ба миён омада, то ба ҳадде расид, ки онҳо аз
якдигар чудо шуданд, ва Барнаббо Марқӯсро ҳамроҳи худ гирифта,
бо киштӣ ба Қаприс рафт,
40 Ва Павлус барои худ Силоро интиҳоб кард, ва ҳамин ки
бародарон ӯро ба файзи Худо супурданд, рӯ ба сафар ниҳод+
41 Ва ба Сурия ва Қилиқия гузашта, калисоҳоро тақвият мекард.

## Павлус дар Осиёи Сағир. Тимотиюс.

16 [1] Ба Дарба ва Лустра омад. Ва инак, Тимотиюс ном шогирде
дар он ҷо буд, ки модараш яҳудизани имондор, лекин падараш
юнонӣ буд,+
[2] Ва бародарони сокини Лустра ва Иқуния ӯро таъриф мекарданд.
[3] Павлус майл дошт ӯро ҳамроҳи худ бибарад, ва ӯро гирифта, ба
хотири яҳудиёне ки дар он ноҳия буданд, хатна кард, зеро ки ҳама
падарашро мешинохтанд, ки вай юнонӣ буд+.
[4] Онҳо дар ҳар шаҳре ки мегаштанд, дастурҳоеро, ки ҳаввориён ва
пирон дар Ерусалим қарор дода буданд, ба онҳо месупурданд, то ки
аз рӯи он дастурҳо амал кунанд+.
[5] Калисоҳо дар имон мустаҳкам мешуданд, ва шумораашон рӯз ба
рӯз меафзуд+.

## Павлус дар Трӯос.

## Рӯҳулқудс идора мекунад.

[6] Вақте ки аз Фриҷия ва кишвари Ғалотия мегузаштанд, Рӯҳулқудс
онҳоро нагузошт, ки каломро дар вилояти Осиё мавъиза намоянд+.
[7] Ба Мисия расида, аз он ҷо ба Битуния рафтанӣ шуданд, лекин
Рӯҳ ба онҳо иҷозат надод+.
[8] Он гоҳ аз Мисия гузашта, ба Трӯос фуромаданд+.
[9] Ҳамон шаб ба Павлус рӯъёе аён шуд, ки инак шахсе аз аҳли
Мақдуния назди ӯ истода буд ва илтимос карда, мегуфт: «Ба
Мақдуния омада, ба мо мадад расон».
[10] Ҳамин ки ӯ ин рӯъёро дид, мо дарҳол ба Мақдуния рафтанӣ
шудем, зеро яқин донистем, ки Худованд моро даъват намудааст, ки
дар он ҷо башорат диҳем.
[11] Аз Трӯос бо киштӣ рафта, рост ба Сомӯтрокӣ расидем ва рӯзи
дигар ба Ниёпӯлис равона шудем;

## Павлус ва Сило дар Филиппӣ.

[12] Аз он ҷо ба Филиппӣ рафтем, ки шаҳри аввали вилояти
Мақдуния, қасабаи муҳоҷирнишин буд; дар он шаҳр якчанд рӯз
истодем+.

13 Рӯзи шанбе аз шаҳр берун шуда, дар соҳили дарьё, ки он ҷо
одатан ибодатгоҳ буд, нишастем ва бо заноне ки дар он ҷо ҷамъ
омада буданд, гуфтугӯ кардем.

## Имон овардани Лидия.

14 Лидия ном занаки худопарасти арғувонфурӯш, ки аз шаҳри
Тиётира буд, гуфтугӯи моро гӯш мекард; Худованд дили ӯро кушода
буд, то ки суханони Павлусро бишнавад+.
15 Вақте ки ӯ ва аҳли байташ таъмид гирифтанд, хоҳиш карда,
гуфт: «Агар шумо яқин дониста бошед, ки ман ба Худованд имон
овардаам, ба хонаи ман омада, иқомат кунед». Ӯ он қадар исрор кард,
ки мо розӣ шудем+.

## Берун кардани рӯҳи ғайбгӯй.

## Задани Павлус ва Сило.

16 Як рӯз, ки мо ба ибодатгоҳ мерафтем, ба мо канизе вохӯрд, ки
рӯҳи ғайбгӯй дошт ва аз ғайбгӯӣ ба оғоёни худ даромади калоне
меовард.
17 Вай аз қафон мо ва Павлус омада, фарьёд зад, ки ин одамон
бандагони Худои Таолоянд ва роҳи наҷотро ба мо хабар медиҳанд+.
18 Азбаски чандин рӯз вай ҳамин тавр рафтор кард, Павлус
дарғазаб шуд ва ба вай рӯ гардонда, ба он рӯҳ гуфт: «Ба исми Исои
Масеҳ туро амр мефармоям, ки аз вай берун баро». Ва дарҳол аз вай
берун омад+.
19 Чун оғоёни вай диданд, ки умеди даромадашон аз даст рафт,
Павлус ва Силоро дастгир карда, ба майдони шаҳр назди сардорон
кашида бурданд;
20 Вақте ки онҳоро назди волиён оварданд, гуфтанд: «Ин одамон,
ки яҳудӣ ҳастанд, шаҳри моро ба шӯр овардаанд
21 Ва расму таомулеро мавъиза мекунанд, ки қабул кардан ва ба ҷо
овардани он ба мо, румиён, чоиз нест»+.
22 Мардум низ бар онҳо қиём карданд, ва волиён ҷомаҳои онҳоро
канда партофта, фармуданд, ки онҳоро калтаккорӣ кунанд;+
23 Пас аз задани шаттаи бисьёр, онҳоро дар зиндон андохтанд ва ба
зиндонбон амр фармуданд, ки онҳоро дурустакак нигаҳбонӣ кунад;

24 Чун вай ин тавр амре гирифт, онҳоро дар зиндони дохилӣ
маҳбус кард ва ба пойҳошон кунда зад+.

## Имон овардани зиндонбон дар Филиппӣ.

25 Дар қарибии нисфи шаб Павлус ва Сило дуо гуфта, Худоро
ҳамду сано мехонданд, ва бандиён онҳоро мешуниданд+.
26 Ногаҳон заминҷунбии азиме рӯй дод, то ба ҳадде ки таҳкурсии
зиндон ба ларза даромад; дарҳол ҳамаи дарҳо кушода шуд, ва ҳама
завлонаҳо ба замин афтод+.
27 Зиндонбон бедор шуда, дарҳои зиндонро кушода дид ва
шамшери худро кашида, мехост худро бикушад, ба гумони он ки
бандиён гурехта рафтаанд+.
28 Аммо Павлус бо овози баланд гуфт: «Ба худ осебе нарасон, зеро
ки ҳамаи мо дар ин ҷо ҳастем».
29 Зиндонбон чароғе талаб карда, ба дарун давида даромад ва
ларзон шуда, пеши пои Павлус ва Сило афтод;+
30 Сонӣ онҳоро берун оварда, гуфт: «Эй оғоён! Чӣ бояд бикунам, то
ки наҷот ёбам?»+
31 Гуфтанд: «Ба Исои Масеҳи Худованд имон овар, ва ту бо аҳли
байти худ наҷот хоҳӣ ёфт»+.
32 Он гоҳ каломи Худовандро ба вай ва тамоми аҳли байташ
мавъиза карданд.
33 Дар ҳамон соати шаб зиндонбон онҳоро берун оварда,
захмҳошонро шуст, ва фавран худаш ва тамоми аҳли байташ таъмид
гирифтанд,+
34 Ва онҳоро ба хонаи худ оварда, дар пешашон хӯрок монд, ва бо
тамоми аҳли байти худ шод шуд, ки ба Худо имон овард+.

## Павлус намехоҳад пинҳонӣ биравад.

35 Вақте ки субҳ дамид, волиён мулозимонро фиристоданд, ки
бигӯянд: «Он шахсонро ҷавоб деҳ».
36 Зиндонбон инро ба Павлус хабар дода, гуфт: «Волиён кас
фиристодаанд, ки шуморо ҷавоб диҳам; пас, берун омада, ба
саломатӣ биравед».
37 Вале Павлус ба онҳо гуфт: «Моро, ки румӣ ҳастем, бе муҳокима
дар пеши назари тамоми мардум калтаккорӣ карда, дар зиндон

андохтанд, ва акнун мехоҳанд пинҳонӣ ҷавоб диҳанд? Не, бигзор
худашон омада, моро берун оваранд»+.
38 Мулозимон ин суханонро ба волиён расонданд, ва чун
шуниданд, ки румӣ ҳастанд, ба ҳарос афтоданд
39 Ва омада, аз онҳо узр пурсиданд ва берун оварда, хоҳиш
карданд, ки аз шаҳр бираванд+.
40 Онҳо аз зиндон берун омада, ба хонаи Лидия шитофтанд ва бо
бародарон вохӯрда ва онҳоро насиҳат карда, равона шуданд+.

## Барпо шудани калисо дар Таслӯникӣ.

**17** [1] Аз Амфипӯлис ва Аполония гузашта, ба Таслӯникӣ омаданд,
ки дар он ҷо куништи яҳудиён буд+.
[2] Павлус, аз рӯи одати худ, назди онҳо дохил шуд, ва се рӯзи шанбе
бо онҳо аз Навиштаҳо гуфтугӯ мекард+
[3] Ва ошкор карда ва исбот намуда, мегуфт, ки лозим буд Масеҳ
азобу уқубат кашад ва аз мурдагон эҳьё шавад, ва Ҳамин Исо, ки ман
Ӯро ба шумо мавъиза мекунам, Масеҳ аст+.
[4] Баъзе аз онҳо ва ҳамчунин бисьёре аз юнониҳои худотарс ва
шумораи зиёде аз занони ашроф имон оварданд ва ба Павлус ва Сило
ҳамроҳ шуданд.

## Ба шӯр омадани яҳудиён дар Таслӯникӣ.

[5] Аммо яҳудиёне ки имон наоварда буданд, ҳасад бурданд ва чанд
нафар нобакоронро аз бозор гирифта, издиҳоме ҷамъ карданд ва
шаҳрро ба шӯр оварданд ва ба ҳонаи Ёсӯн тоҳта, ҳостанд онҳоро
назди ҷамоат берун оваранд+.
[6] Чун онҳоро наёфтанд, Ёсӯн ва чанд нафар бародаронро назди
сардорони шаҳр кашиданд ва дод зада мегуфтанд, ки онҳое ки
тамоми оламро зеру забар карданд, ба ин ҷо низ омадаанд,
[7] Ва Ёсӯн онҳоро пазирой кардааст, ва ҳамаи онҳо бар хилофи
фармоишоти қайсар амал мекунанд ва шахси дигарро, ки Исо ном
дорад, подшоҳ медонанд+.
[8] Аз шунидани ин суханон мардум ва сардорони шаҳр ба ташвиш
афтоданд,
[9] Ва аз Ёсӯн ва дигарон замонат гирифта, онҳоро ҷавоб доданд.

## Павлус ва Сило дар Бирия.

[10] Бародарон фавран Павлус ва Силоро шабона ба Бирия равона
карданд, ва онҳо ба он ҷо расида, ба куништи яҳудиён даромаданд.
[11] Яҳудиёни он ҷо назар ба аҳли Таслӯникӣ равшанфикртар
буданд: бо иштиёқи комил каломро гӯш мекарданд ва ҳар рӯз
Навиштаҳоро санҷида мебаромаданд, то бидонанд, ки оё дар ҳақиқат
ҳамин тавр аст ё не;

12 Бисьёре аз онҳо, ҳам аз занони ашрофи юнонӣ ва ҳам шумораи
зиёде аз мардон имон оварданд.
13 Лекин чун яҳудиёни Таслӯникӣ фаҳмиданд, ки Павлус дар
Бирия низ каломи Худоро мавъиза намудааст, ба он ҷо омада,
мардумро ба шӯр оварданд.
14 Дарҳол бародарон Павлусро сӯи баҳр равона карданд, вале Сило
ва Тимотиюс дар он ҷо монданд.

## Павлус дар Атино.

15 Ҳамроҳони Павлус ӯро то Атино гуселониданд, ва ӯ ба онҳо
фармуд, ки гашта рафта, ҳар чи зудтар Сило ва Тимотиюсро назди ӯ
равона кунанд.
16 Ҳангоме ки Павлус дар Атино ба онҳо интизорӣ дошт, чун дид,
ки ин шаҳр аз бутҳо пур аст, рӯҳаш дар дарунаш музтариб шуд+.
17 Бинобар ин дар куништ бо яхудиён ва худотарсон ва дар бозор
ҳар рӯз бо ҳар кӣ вомехӯрд, гуфтугӯ мекард.
18 Баъзе аз файласуфони эпикурӣ ва истоӣ бо ӯ мунозира
мекарданд; як хелашон мегуфтанд: «Ин лаққӣ чӣ мехоҳад бигӯяд?»;
дигарҳо мегуфтанд: «Зоҳиран, ӯ худоҳои бегонаро мавъиза
мекунад»; зеро ки ӯ ба онҳо аз Исо ва эҳьё башорат медод.
19 Ӯро дастгир карда, ба Арьюпогус, ки кӯҳи доварон аст, оварданд
ва гуфтанд: «Оё мумкин аст мо бидонем, ки ин тариқати наве ки ту
мавъиза менамоӣ, чист+?
20 Азбаски суханонат ба гӯши мо аҷиб мерасад, бинобар ин
меҳоҳем бидонем, ки онҳо чӣ маъно доранд».
21 Зеро ки тамоми аҳли Атино ва аҷнабиёни сокини он ҷо вақти
худро аз ҳама зиёдтар дар гуфтану шунидани ягон гапи тоза
мегузарониданд.

## Мавъизаи Павлус дар Арьюпогуси Атино.

22 Он гоҳ Павлус дар миёнаҷои Арьюпогус истода, гуфт: «Эй
мардони Атино! Шуморо аз ҳар ҷиҳат бисьёр диндор ёфтаам;
23 Зеро ки, чун гаштгузор карда, ибодатгоҳҳои шуморо аз назар
мегузарондам, мазбаҳе дидам, ки бар он навишта шудааст: „Ба Худои
ношинос“. Пас, Ҳамонро, ки шумо мепарастед, вале намешиносед,
ман ба шумо мавъиза менамоям:

24 Худое ки олам ва тамоми мавҷудоти онро офаридааст,
Худованди осмону замин аст ва дар маъбадҳои сохтаи дасти инсон
сокин нест+
25 Ва ба хизмати дастҳои одамӣ эҳтиёҷ надорад, зеро ки Худаш
ҳаёт ва нафас ва ҳар чизро ба ҳама мебахшад;+
26 Ҳамаи қавмҳои насли одамизодро Ӯ аз як хун ба вуҷуд
овардааст, то ки бар тамоми рӯи замин сокин шаванд, ва барои
сукунати онҳо мӯҳлатҳо ва ҳудуди муайяне пешакӣ муқаррар
кардааст,+
27 То ки онҳо Худоро ҷустуҷӯ кунанд ва, шояд Ӯро ёбем гӯён, кӯр-
кӯрона даст-даст карда нагарданд, гарчанде ки Ӯ аз ҳеҷ яке аз мо дур
нест:
28 Зеро ки мо дар Ӯ зиндагӣ ва ҳаракат мекунем ва вуҷуд дорем,
чунон ки баъзе аз шоирони шумо низ гуфтаанд: „Мо фарзандони Ӯ
ҳастем“+.
29 Пас, модоме ки ҳамаи мо фарзандони Худо ҳастем, набояд
гумон кунем, ки Илоҳият монанд аст ба тилло ё нуқра ё санге ки аз
санъат ва хаёли инсон сурате гирифтааст+.
30 Хуллас, ҳоло Худо аз замонҳои ҷаҳолат сарфи назар карда, дар
ҳар ҷо ба ҳамаи одамон амр мефармояд, ки тавба кунанд;+
31 Зеро ки Ӯ рӯзеро муқаррар намудааст, ки аҳли ҷаҳонро ба
василаи Марде ки баргузидаи Ӯст, аз рӯи инсоф доварӣ кунад, ва
барои он ки инро ба ҳама исбот намояд, Ӯро аз мурдагон эҳьё
кард»+.
32 Вақте ки зикри эҳьёи мурдагонро шуниданд, баъзе касон
тамасхур карданд ва баъзеи дигарон гуфтанд: «Дар ин бора дафъаи
дигар ба сухани ту гӯш хоҳем дод».
33 Бо ҳамин, Павлус аз миёни онҳо берун омад.
34 Вале якчанд кас ба ӯ ҳамроҳ шуда, имон оварданд; дар байни
онҳо Диёнисиюси арьюпогӣ ва Домарис ном зане ва дигарон буданд.

## Павлус дар Қӯринтус.

**18** [1] Баъд аз ин Павлус Атиноро тарк карда, ба Қӯринтус омад.
[2] Дар он ҷо Акило ном марди яҳудӣ, ки зодгоҳаш Понтус
буда, ба қарибӣ бо ҳамсараш Прискила аз Италия омада буд, — зеро
Клавдиюс фармон дода буд, ки ҳамаи яҳудиён аз Рум бираванд, — ва
Павлус бо онҳо шиносоӣ пайдо кард ва назди онҳо омад,+
[3] Ва азбаски монанди онҳо ҳунари хаймадӯзӣ дошт, назди онҳо
монда, ба кор машғул шуд.

## Барпо шудани калисо дар Қӯринтус.

[4] Ҳар рӯзи шанбе ӯ дар куништ сухан ронда, саъю кӯшиш менамуд,
ки яҳудиён ва юнониёнро мӯътақид гардонад+.
[5] Вақте ки Сило ва Тимотиюс аз Мақдуния омаданд, Павлус аз Рӯҳ
илҳом ёфта, ба яҳудиён шаҳодат додан гирифт, ки Исо Масеҳ аст+.
[6] Аммо азбаски онҳо мухолифат ва бадзабонӣ мекарданд, домани
худро бар онҳо афшонда, гуфт: «Хунатон ба гарданатон; ман аз он
мубарро ҳастам; минбаъд назди ғайрияҳудиён ҳоҳам рафт»+.
[7] Аз он ҷо рафта, назди Юстус ном шахси худотарсе омад, ки хонаи
вай дар шафати куништ буд.
[8] Криспус, ки сардори куништ буд, бо тамоми аҳли байташ ба
Худованд имон овард, ва бисьёре аз қӯринтиён, чун шуниданд, имон
оварданд ва таъмид гирифтанд+.
[9] Худованд як шаб дар рӯъё ба Павлус гуфт: «Натарс, балки суҳан
бигӯ ва хомӯш набош,
[10] Зеро ки Ман бо ту ҳастам, ва ҳеҷ кас ба ту осебе нахоҳад расонд;
чунки Ман дар ин шаҳр мардуми бисьёре дорам».
[11] Ба ин сабаб ӯ як солу шаш моҳ дар он ҷо монда, каломи Худоро
ба онҳо таълим дод.

## Ғолиюни бомулоҳиза.

[12] Дар ин миён, вақте ки Ғолиюн волии Оҳоия буд, яҳудиён якдил
шуда, ба Павлус ҳуҷум карданд ва ӯро ба маҳкама кашида оварданд
[13] Ва гуфтанд: «Ин шахс мардумро иғво медиҳад, ки ибодати
Худоро бар хилофи шариат ба ҷо оваранд».

[14] Павлус ҳанӯз ҳарфе назада буд, ки Ғолиюн ба яҳудиён гуфт: «Эй
яҳудиён! Агар озоре ё кирдори баде ба вуқӯъ меомад, барои ман
асосе мебуд, ки арзи шуморо бишнавам;
[15] Вале модоме ки сухан дар бораи калимот ва номҳо ва шариати
шумо меравад, худатон бояд онро яктарафа кунед: ман дар ин бобат
доварӣ нахоҳам кард»+.
[16] Ва онҳоро аз маҳкама пеш кард.
[17] Ҳамаи юнониён сардори куништ Сӯстинисро дастгир карда, дар
назди маҳкама каллакӯбак карданд, ва Ғолиюн ба ин ҳеҷ парво
накард.

## Павлус ба Антиёхия бармегардад ва мувофиқи шариати яҳудиён назр мекунад.

[18] Павлус боз чандин рӯз дар он ҷо истод, он вақт бо бародарон
хайру маъзур кард ва бо киштӣ ба Сурия равона шуд ва Прискила ва
Акилоро ҳамроҳи худ бурд ва дар Канхария мӯйсар гирифт, чунки
назр карда буд+.
[19] Вақте ки ба Эфсӯс расиданд, онҳоро дар он ҷо монда, худаш ба
куништ даромад ва бо яҳудиён суханронӣ кард+.
[20] Аз ӯ хоҳиш карданд, ки муддате бо онҳо бимонад, лекин ӯ розӣ
нашуд.
[21] Ва бо онҳо хайру маъзур карда, гуфт: «Ман бояд иди дар пеш
истодаро ҳатман дар Ерусалим гузаронам; баъд аз он, Худо хоҳад, боз
назди шумо хоҳам баргашт». Ва Эфсӯсро тарк кард+.
[22] Ба Қайсария расида, ба Ерусалим рафт ва аҳли калисоро табрик
ва аҳволпурсӣ карда, ба Антиёхия равона шуд.

## Сафари сеюми Павлус.

[23] Муддате дар он ҷо истода, боз ба сафар рафт ва дар кишвари
Ғалотия ва Фриҷия гашта, ҳамаи шогирдонро тақвият мекард+.

## Апӯллӯс дар Эфсӯс.

[24] Апӯллӯс ном яҳудие аз аҳли Искандария, ки шахси суханвар ва
аз Навиштаҳо хабардор буд, ба Эфсӯс расид;+
[25] Ӯ дар тариқи Худованд тарбият ёфта буд ва бо ҷӯшу хурӯши Рӯҳ
сухан ронда, дар бораи Исо ба хубӣ таълим медод, гарчанде ки фақат

аз таъмиди Яҳьё огоҳӣ дошт+.
26 Ӯ дар куништ далерона сухан рондан гирифт. Чун Акило ва
Прискила суханонашро шуниданд, ӯро назди худ оварданд ва тариқи
Худовандро ба ӯ дурустакак фаҳмонданд+.
27 Вақте ки ӯ азми сафари Охоия кард, бародарон ба шогирдон
навиштанд, ки ӯро пазироӣ кунанд; чун ба он ҷо расид, ба касоне ки
ба файзи илоҳӣ имон оварда буданд, ёрдами бисьёр дод:+
28 Зеро ки бо қуввати тамом дар пеши назари ҳама бо яҳудиён
баҳсу мунозира карда, аз рӯи Навиштаҳо исбот менамуд, ки Исо
Масеҳ аст+.

## Павлус дар Эфсӯс.

## Шогирдони Яҳъё масеҳӣ мешаванд.

**19** [1] Дар он замоне ки Апӯллӯс дар Қӯринтус буд, Павлус дар
кишварҳои боло гардиш карда, ба Эфсӯс расид ва дар он ҷо
шогирдонро ёфта,+
[2] Ба онҳо гуфт: «Оё вақте ки имон овардед, Рӯҳулқудсро қабул
кардед?» Ба ӯ гуфтанд: «Ҳатто нашунидаем, ки Рӯҳулқудс вуҷуд
дорад».
[3] Ба онҳо гуфт: «Пас чӣ навъ таъмид гирифтед?» Гуфтанд:
«Таъмиди Яҳъё»+.
[4] Павлус гуфт: «Таъмиде ки Яҳъё медод, таъмиди тавба буд, ва ӯ ба
мардум мегуфт: „Ба Он Касе ки баъд аз ман меояд, яъне ба Исои
Масеҳ имон оваред“»+.
[5] Чун инро шуниданд, ба исми Исои Худованд таъмид
гирифтанд,+
[6] Ва ҳангоме ки Павлус дастҳои худро бар сари онҳо ниҳод,
Рӯҳулқудс бар онҳо нозил шуд, ва ба забонҳо сухан ронда, нубувват
карданд+.
[7] Онҳо тақрибан дувоздаҳ нафар буданд.

## Павлус дар куништ ва дар мадрасаи Тиронус дар Эфсӯс.

[8] Муддати се моҳ ӯ ба куништ даромада, нотарс мавъиза менамуд
ва дар бораи Малакути Худо мусоҳиба мекард ва далелҳо меовард+.
[9] Вале азбаски баъзе касон саҳтдил буданд ва имон намеоварданд
ва дар ҳаққи ин тариқат дар пеши мардум бадзабонӣ мекарданд,
бинобар ин аз онҳо худро канор гирифта, шогирдонро ҷудо кард ва
ҳар рӯз дар мадрасаи Тиронус ном шаҳсе мавъиза менамуд.
[10] Ин тақрибан ду сол давом кард, ба тавре ки ҳамаи сокинони
вилояти Осиё, ҳам яҳудиён ва ҳам юнониён, каломи Исои
Худовандро шуниданд.

## Мӯъҷизоте ки Павлус ба амал овардааст.

[11] Худо ба василаи Павлус мӯъҷизоти бузурге ба амал меовард,
[12] То ба ҳадде ки дастмолҳо ва фӯтаҳои ба бадани ӯ расидаро
бурда, бар беморҳо мегузоштанд, ва бемории онҳо нест мешуд, ва

арвоҳи хабис аз онҳо берун мерафт+.
13 Ҳатто баъзе аз азоимхонҳои оворагарди яҳудӣ ҳам бар онҳое ки
мубталои рӯҳи хабис буданд, исми Исои Худовандро зикр карда,
мегуфтанд: «Шуморо ба Исое ки Павлус мавъиза менамояд, қасам
медиҳем»+.
14 Ҳафт нафар писарони Искиво ном шахсе ки яке аз саркоҳинони
яҳудӣ буд, ҳамин тавр амал мекарданд.
15 Аммо рӯҳи хабис дар ҷавоби онҳо гуфт: «Исоро мешиносам,
Павлусро низ медонам, лекин шумо кистед?»+
16 Марде ки рӯҳи хабис дошт, бо чунон куввате ба онҳо дарафтод,
ки ҳама мағлуб шуданд ва дар ҳолате ки бараҳна ва маҷрӯҳ буданд,
аз он хона гурехтанд.
17 Ин вокеа ба гӯши ҳамаи яҳудиён ва юнониёни сокини Эфсӯс
расида, ҳамаро ба ҳарос андохт, ва исми Исои Худованд дар миёни
онҳо бештар иззату икром пайдо кард;
18 Бисьёре аз имондорон омада, аъмоли худро иқрор ва ошкор
мекарданд;+
19 Бисьёре аз онҳое ки ба ҷодугарӣ машғул буданд, китобҳои худро
оварда, дар пеши назари ҳама сӯзонданд; вақте ки арзиши онҳоро
ҳисоб карданд, маълум шуд, ки баробари панҷоҳ ҳазор дирҳам аст.
20 Каломи Худо ҳамин тавр қувват мегирифт ва интишор меёфт+.
21 Пас аз анҷоми ин чизҳо, Павлус дар дили худ азм кард, ки аз
Мақдуния ва Охоия гузашта, ба Ерусалим биравад, ва гуфт: «Баъд аз
рафтанам ба он ҷо, Румро низ бояд бубинам»+.
22 Аз мулозимонаш ду нафарро, яъне Тимотиюс ва Арастусро, ба
Мақдуния равона карда, худаш муддате дар вилояти Осиё бимонд+.

## Ба шӯр омадани нуқрагарон дар Эфсӯс.

23 Дар он замон исьёни азиме бар зидди тариқи Худованд рӯй дод;
24 Зеро ки Димитриюс ном нуқрагаре ки тасвирҳои нуқрагини
маъбади Артамисро месохт ва ба ин васила ба санъатгарон фоидаи
калоне мерасонд,
25 Онҳоро, ҳамчунин ҳунармандони дигарро ҷамъ оварда, гуфт:
«Эй мардумон! Шумо медонед, ки некӯаҳволии мо аз пушти ҳамин
ҳунар аст,

26 Ва шумо дида ва шунида истодаед, ки на танҳо дар Эфсӯс, балки
қариб дар тамоми вилояти Осиё ин Павлус мардуми бисьёрро иғво
андохта, гумроҳ кардааст, ва мегӯяд: „Чизҳои соҳтаи дасти инсон
ҳудо нестанд“+.
27 Пас, хавфи он аст, ки на танҳо ҳунари мо аз байн равад, балки
ин маъбади олиҳаи бузурги мо Артамис низ беэътибор шавад, ва
ҳашамати вай, ки тамоми вилояти Осиё ва аҳли олам парастишаш
мекунанд, беқурб гардад».
28 Вақте ки ин суҳанонро шуниданд, онҳо хеле ба хашм омада,
фарьёд заданд: «Бузург аст Артамиси эфсӯсиён!»
29 Тамоми шаҳр ба шӯр омада, ҳама якдилона сӯи тамошохона
тохтанд ва Ғоюс ва Ористархусро, ки аз аҳли Мақдуния ва ҳамроҳони
Павлус буданд, дастгир карда, бо худ кашида бурданд+.
30 Павлус мехост, ки ба миёни мардум дарояд, аммо шогирдон ӯро
намонданд;
31 Ҳамчунин баъзе аз сардорони вилояти Осиё, ки дӯстонаш
буданд, назди ӯ кас фиристода, таъкид карданд, ки ба тамошохона
набиёяд.
32 Дар ин миён баъзе касон дод зада, чизе мегуфтанд, касони дигар
— чизи дигаре; зеро ки ҷамоат ошуфтаҳол буданд ва аксари онҳо
намедонистанд, ки барои чӣ ҷамъ шудаанд.
33 Аз миёни издиҳом Искандарро кашола карданд, чунки яҳудиён
ӯро пеш андохта буданд, ва Искандар бо дасташ ишора намуда, хост
барои муҳофизати худ ба мардум сухане бигӯяд.
34 Аммо, чун яҳудӣ буданашро донистанд, ҳама бо як овоз дод
заданд ва қариб ду соат нидо мекарданд: «Бузург аст Артамиси
эфсӯсиён!»
35 Нозири низом мардумро сокит карда, гуфт: «Эй мардони Эфсӯс!
Кӣ намедонад, ки шаҳри Эфсӯс парастандаи маъбади Артамиси
олиҳаи бузург ва ҳайкали аз осмон нозилшудаи вай мебошад?
36 Модоме ки ин баҳснопазир аст, шуморо лозим аст, ки ором
бошед ва рафтори бемулоҳизае накунед;
37 Зеро ин шахсоне ки шумо овардаед, на тороҷкунандагони
маъбаданд ва на дар ҳаққи олиҳаи шумо сухани куфромез гуфтаанд;
38 Агар Димитриюс ва ҳамкоронаш даъвое бар касе дошта бошанд,
инак дари маҳкамаҳо кушода, волиён низ ҳозиранд: бигзор ба онҳо

шикоятҳои худро оварда супоранд;
[39] Вале агар талаби дигаре дошта бошед, он бояд дар маҳкамаи
шаръӣ яктарафа шавад;
[40] Зеро ҳавфи он аст, ки мо барои рафтори имрӯза ба балвогарӣ
айбдор шавем, ва мо ҳеҷ далеле надорем, ки барои чунин ҷамъомад
онро сабаб нишон диҳем». Инро гуфта, издиҳомро пароканда кард.

## Павлус дар Макдуния ва Юнон.

20 [1] Пас аз он ки ин шӯру ғавғо ҳотима ёфт, Павлус шогирдонро
даъват намуда, хайру маъзур кард ва ба Мақдуния равона шуд+.
[2] Дар он ноҳия гашта, бисьёр насиҳат дод ва ба Юнон омад;
[3] Дар он ҷо се моҳ истод; азбаски яҳудиён ба муқобили ӯ ошӯб
бардоштанд, ӯ азми сафари Сурия кард ва ба фикре омад, ки бо роҳи
Мақдуния гашта равад+.
[4] То ба вилояти Осиё ҳамроҳи ӯ инҳо рафтанд: Супотрус аз аҳли
Бирия,Ористархус ва Секундус аз аҳли Таслӯникӣ, Ғоюс аз Дарба,
Тимотиюс ва аз мардуми Осиё Тӯхиқӯс ва Трофимус+.
[5] Инҳо аз мо пештар рафта, дар Трӯос мунтазири мо шуданд+.

## Павлус дар Трӯос.

[6] Лекин мо пас аз айёми иди фатир аз Филиппӣ бо киштӣ рафтем
ва баъд аз панҷ рӯз ба Трӯос назди онҳо расидем ва дар он ҷо ҳафт
рӯз истодем+.
[7] Рӯзи якшанбе, вақте ки шогирдон барои нон шикастан ҷамъ
шуданд, Павлус, ки фардояш аз он ҷо рафтанӣ буд, бо онҳо мусоҳиба
намуд, ва суханаш то нисфи шаб давом кард+.
[8] Дар болохонае ки мо ҷамъ шуда будем, чароғҳои бисьёре месӯхт.
[9] Офтихӯс ном ҷавоне ки бар остонаи тиреза нишаста буд, ба
пинак рафт, ва ҳангоме ки мусоҳибаи Павлус тӯл мекашид, хоби
сахташ бурда, баногоҳ аз ошьёнаи сеюм ба зер афтод, ва чун ӯро
бардоштанд, мурда буд+.
[10] Павлус поён фуромада, худро болои ӯ партофт ва ӯро дар оғӯш
гирифта, гуфт: «Хавотир накашед, зеро ки ҷони ӯ дар ӯст»+.
[11] Баъд боло баромад ва нонро шикаста, хӯрд ва то субҳ гуфтугӯи
бисьёре карда, ба роҳи худ равона шуд.
[12] Дар ин миён он ҷавонро зинда оварданд, ва ҳотирашон хеле
осуда шуд.

## Аз Трӯос ба Милитус.

13 Мо зуд ба киштӣ савор шуда, ба Асӯс рафтем, то ки аз он ҷо
Павлусро ҳамроҳи худ бигирем, зеро ки ҳамин тавр амр фармуда
буд, ва ӯ ният дошт ба он ҷо пиёда равад.
14 Вақте ки дар Асӯс бо мо вохӯрд, ӯро ҳамроҳи худ гирифта, ба
Митилинӣ омадем.
15 Аз он ҷо бо киштӣ равона шуда, рӯзи дигар дар рӯ ба рӯи Хиюс
бозистодем; рӯзи сеюм ба Сомӯс расидем ва дар Тpуҷилиюн истода,
фардои он вориди Милитус шудем,
16 Зеро ки Павлус ният дошт аз паҳлуи Эфсӯс гузашта равад, то ки
дар вилояти Осиё даранг накунад, чунки ӯ таъҷил менамуд, ки ба
қадри имкон дар арафаи иди Пантикост дар Ерусалим бошад+.

## Павлус дар Милитус.

## Видоъ бо пирони калисои Эфсӯс.

17 Аз Милитус ба Эфсӯс кас фиристода, пирони калисоро даъват
намуд,
18 Ва ҳангоме ки назди ӯ омаданд, ба онҳо гуфт: «Шумо медонед,
ки аз рӯзи аввали ба Осиё қадам монданам, дар тамоми вақте ки бо
шумо будам, ман чӣ гуна рафтор кардам,+
19 Дар ҳолате ки бо камоли фурӯтанӣ, бо ашкҳои бисьёр ва бо
машаққатҳое ки ба туфайли дасисаҳои яҳудиён ба сарам меомад, ба
Худованд ҳизмат кардам,
20 Ва чӣ гуна ман ҳар чизеро, ки фоиданок буд, аз шумо дареғ
надоштам, балки дар пеши тамоми мардум ва хона ба ҳона гашта, ба
шумо мавъиза намудам ва таълим додам
21 Ва ба яҳудиён ва юнониён ҳотирнишон мекардам, ки назди
Худо тавба кунанд ва ба Худованди мо Исои Масеҳ имон оваранд.
22 Ва инак, ҳоло бо тақозои Рӯҳ ба Ерусалим меравам ва аз он чи
дар он ҷо ба сарам ҳоҳад омад, чизе намедонам,
23 Ҷуз ин ки Рӯҳулқудс дар ҳар шаҳр шаҳодат дода, мегӯяд, ки
занҷирҳои асорат ва уқубатҳо барои ман муҳайёст+.
24 Лекин ба ин чизҳо нигоҳ намекунам ва ҷони худро азиз
намедорам, балки муроди ман фақат ин аст, ки вазифаи худро ва он

ҳизматеро, ки Исои Худованд ба ман супурдааст, яъне мавъизаи
Инҷили файзи Худоро ба хушӣ анҷом диҳам+.
25 Ва алҳол инро медонам, ки ҳамаи шумо, ки дар байнатон гашта,
Малакути Худоро мавъиза намудаам, дигар рӯи маро нахоҳед дид.
26 Бинобар ин имрӯз ба шумо шаҳодат медиҳам, ки ман аз хуни
ҳамаатон мубарро ҳастам,+
27 Зеро ки ҳеҷ як фурсатро аз даст надодаам, ки ба шумо тамоми
иродаи Худоро бифаҳмонам.
28 Пас, нигаҳбони худатон ва нигаҳбони тамоми он рамае бошед,
ки Рӯҳулқудс шуморо барои назорат кардани он таъин намудааст, то
ки Калисои Худоро, ки Ӯ бо Хуни Худ харидааст, бичаронед+.
29 Зеро ман медонам, ки баъд аз рафтани ман гургҳои дарранда ба
миёни шумо ҳоҳанд омад, ки ба рама раҳме наҳоҳанд кард;+
30 Аз миёни ҳудатон низ шахсоне пайдо ҳоҳанд шуд, ки суханони
каҷ ҳоҳанд гуфт, то ки шогирдонро аз ақиби худ бикашанд+.
31 Бинобар ин ҳушьёр бошед ва дар ҳотир нигоҳ доред, ки чӣ гуна
ман дар давоми се сол, рӯзонаю шабона ашк реҳта, ҳар яке аз шуморо
таълим додам+.
32 Акнун, эй бародарон, шуморо ба Худо ва ба каломи файзи Ӯ
месупорам, ки қодир аст шуморо обод гардонад ва дар миёни ҳамаи
муқаддасон ба шумо меросе бибахшад+.
33 Ман ба симу зар ё пероҳани касе чашм надӯхтаам:+
34 Худатон медонед, ки ҳамин дастҳои ман барои таъмини
эҳтиёҷоти худам ва ҳамроҳонам хизмат кардааст+.
35 Бо тамоми рафтори худ ман ба шумо нишон додаам, ки мо бояд
ҳамин тавр меҳнат карда, нотавононро дастгирӣ намоем ва суханони
Исои Худовандро дар хотир нигоҳ дорем, ки Ӯ гуфтааст: „Додан аз
гирифтан беҳтар аст“»+.
36 Баъд аз гуфтани ин суханон зону зада, бо ҳамаашон дуо гуфт+.
37 Ҳама гирьяи бисьёр карданд ва Павлусро ба оғӯш кашида,
мебӯсиданд.
38 Алалхусус аз чунин сухани ӯ хеле ғамгин шуданд, ки гуфта буд:
«Рӯи маро дигар нахоҳед дид». Ва ӯро то киштӣ гуселониданд.

## Аз Милитус ба Сӯр.

21 [1] Бо онҳо хайру маъзур карда, бо киштӣ равона шудем ва
рост ба Кос омадем; рӯзи дигар ба Рудс ва аз он ҷо ба Потра
расидем;
[2] Дар он ҷо киштие ёфтем, ки ба Финиқия рафтанӣ буд, ва ба он
савор шуда, ҳаракат кардем.
[3] Қаприсро, ки аз дур намоён шуд, ба тарафи чап монда, сӯи Сурия
равона шудем ва дар Сӯр лангар андохтем, зеро ки дар он ҷо мебоист
бори киштиро мефуроварданд;

## Рӯҳулқудс Павлусро аз сафари Ерусалим нигоҳ медорад.

[4] Дар он ҷо шогирдонро пайдо карда, ҳафт рӯз истодем; онҳо аз
Рӯҳ илҳом ёфта, ба Павлус гуфтанд, ки ба Ерусалим наравад+.
[5] Чун вақти мо ба охир расид, боз ба роҳ даромадем, ва ҳама бо
занону бачаҳошон моро то беруни шаҳр гусел карданд; мо дар
соҳили баҳр зону зада, дуо гуфтем+
[6] Ва бо ҳамдигар хайру хуш карда, ба киштӣ даромадем, ва онҳо ба
хонаҳои худ баргаштанд.
[7] Аз Сӯр сафари худро бо киштӣ давом дода, ба Птолимус расидем
ва дар он ҷо бо бародарон мулоқот карда, як рӯз дар наздашон
истодем.

## Павлус дар Қайсария.

[8] Рӯзи дигар Павлус ва мо, ки ҳамроҳаш будем, он ҷоро тарк карда,
ба Қайсария омадем ва ба хонаи Филиппуси башоратдиҳанда, ки яке
аз ҳафт нафар буд*, даромада, назди ӯ мондем+.
[9] Ӯ чор духтари бокира дошт, ки нубувват мекарданд+.
[10] Баъд аз чандин рӯзе ки дар он ҷо будем, Оғобус ном набие аз
Яҳудо омад+
[11] Ва назди мо даромада, камарбанди Павлусро гирифту дастҳо ва
пойҳои худро бо он баст ва гуфт: «Рӯҳулқудс мегӯяд, ки яҳудиён дар
Ерусалим соҳиби ин камарбандро ҳамин тавр баста, ба дасти
ғайрияҳудиён хоҳанд супурд»+.
[12] Вақте ки инро шунидем, мо ва аҳли он ҷо илтимос кардем, ки ӯ
ба Ерусалим наравад+.

13 Аммо Павлус дар ҷавоб гуфт: «Ин чӣ корест, ки шумо мекунед? Чаро бо гирьяи худ дили маро мешиканед? Зеро ки ман тайёрам на танҳо бандӣ шавам, балки дар Ерусалим ба хотири исми Исои Худованд бимирам»+.

## Павлус дар Ерусалим.

14 Чун ба гапи мо надаромад, ба ҷуз ин сухан: «Он чи хости Худованд аст, бишавад!» — чизи дигар нагуфтем.
15 Баъд аз он рӯзҳо мо тадоруки сафарро дида, сӯи Ерусалим равона шудем;
16 Баъзе аз шогирдони сокини Қайсария низ ҳамроҳи мо омада, моро ба хонаи Маносӯн ном шахсе ки аз аҳли Қаприс ва шогирди дерина буд, оварданд, то ки назди ӯ манзил кунем.
17 Вақте ки вориди Ерусалим шудем, бародарон моро бо хурсандӣ пазирой карданд.

## Павлус мувофиқи шариати яҳудиён назр мекунад ва ҳадияи таҳоратро меоварад.

18 Рӯзи дигар Павлус ҳамроҳи мо назди Яъқуб омад; ҳамаи пирон низ ҳозир шуданд+.
19 Пас аз салому аҳволпурсӣ аз он чи Худо ба василаи хизмати ӯ дар миёни ғайрияҳудиён ба амал оварда буд, муфассал нақл кард.
20 Чун шуниданд, Худоро ҳамду сано хонданд ва ба ӯ гуфтанд: «Эй бародар, чунон ки мебинӣ, чандин ҳазор яҳудиён имон овардаанд ва ҳамаашон ғаюрони шариат мебошанд;+
21 Онҳо дар бораи ту шунидаанд, ки ба ҳамаи яҳудиёне ки дар миёни халқҳо умр ба сар мебаранд, таълим медиҳӣ, ки аз Мусо дур шаванд, ва мегӯӣ, ки писарони худро хатна накунанд ва қоидаҳои шариатро ба ҷо наоваранд+.
22 Пас, чӣ бояд кард? Албатта мардум ҷамъ хоҳанд шуд, зеро ки аз омаданат хабар хоҳанд ёфт.
23 Бинобар ин он чи ба ту мегӯем, ба ҷо овар: назди мо чор одам ҳастанд, ки назре кардаанд;+
24 Онҳоро бо худ гирифта, ҳамроҳашон таҳорат намо ва харҷашонро ба гарданат бигир, то ки онҳо мӯйсари худро битарошанд, — ва ҳама хоҳанд фаҳмид, ки он чи дар бораи ту

шунидаанд, асосе надорад, балки худат ҳам мувофиқи шариат
рафтор мекунӣ+.
25 Лекин дар хусуси онҳое ки аз байни ғайрияҳудиён имон
овардаанд, мо навишта ва амр фармуда будем, ки ба чизе риоя
накунанд, балки фақат аз қурбониҳои бутҳо, аз хун, аз гӯшти
ҳайвоноти буғишуда ва аз зино парҳез намоянд»+.
26 Павлус он одамонро бо худ гирифта, ҳамроҳашон таҳорат намуд
ва рӯзи дигар ба маъбад даромад ва анҷоми рӯзҳои таҳоратро, ки
бояд барои ҳар яке аз онҳо ҳадияе пешкаш карда шавад, эълон кард+.

## Павлусро яҳудиён дар маъбад дастгир карданд.

27 Вақте ки ҳафт рӯз ба охир мерасид, яҳудиёни аҳли вилояти Осиё
ӯро дар маъбад дида, тамоми мардумро ба шӯр оварданд ва ба ӯ
дасти тааддӣ дароз карданд
28 Ва фарьёд зада, гуфтанд: «Эй мардони Исроил, мадад кунед! Ин
ҳамон касест, ки ҳамаро дар ҳар ҷо бар зидди қавм ва шариат ва бар
зидди ин макон таълим медиҳад, дар айни ҳол юнониҳоро низ ба
маъбад дароварда, ин макони муқаддасро палид кардаст»+.
29 Зеро ки пеш аз ин онҳо Трофимуси эфсӯсиро бо ӯ дар шаҳр дида
буданд ва гумон карданд, ки Павлус вайро ба маъбад овардааст+.
30 Тамоми шаҳр ба ҷунбиш омад, мардуми бисьёре ҷамъ шуданд
ва Павлусро дастгир карда, аз маъбад берун бароварданд ва дарҳол
дарҳоро бастанд.
31 Вақте ки онҳо қасди ҷони ӯ мекарданд, ба мириҳазори сипоҳ
ҳабар расид, ки тамоми Ерусалим ба ошӯб омадааст;
32 Вай дарҳол сарбозон ва мирисад ҳоро бо худ гирифта, сӯи онҳо
шитофт, ва ҳангоме ки онҳо мириҳазор ва сарбозонро диданд, аз
задани Павлус даст кашиданд.

## Павлусро бо ду занҷир мебанданд.

33 Мириҳазор наздик омада, ӯро дастгир кард ва амр фармуд, ки
ӯро бо ду занҷир бибанданд, ва пурсид, ки ин кист ва чӣ гуноҳе
кардааст+?
34 Аз байни издиҳом дод зада, баъзеҳо як чиз ва баъзеҳо чизи
дигар мегуфтанд, ва азбаски вай аз боиси шӯру ғавғо ҳақиқати ҳолро
фаҳмида натавонист, фармон дод, ки ӯро ба қалъа баранд+.

35 Вақте ки ӯ ба зинапоя расид, сарбозонро лозим омад, ки ба
сабаби хашми мардум ӯро бардошта баранд,
36 Зеро ки мардуми бисьёре аз қафо омада, фарьёд мезаданд, ки
«ӯро бикушед!»
37 Пеш аз он ки вориди қалъа шаванд, Павлус ба мириҳазор гуфт:
«Оё ҷоиз аст ба ту чизе бигӯям?» Гуфт: «Оё забони юнониро медонӣ?
38 Оё ту ҳамон мисрие нестӣ, ки якчанд рӯз пеш аз ин, фитнае
барангехта, чор ҳазор одамкушро бо худ ба биёбон бурд?»
39 Павлус гуфт: «Ман яҳудӣ ҳастам, аз Тарсус, табааи Қилиқия, ки
шаҳри машҳур аст; хоҳишмандам иҷозат бидеҳ, то ки ба мардум
суҳане гӯям»+.
40 Вақте ки иҷозат дод, Павлус дар болои зина истода, бо дасташ ба
мардум ишора кард, ва ҳамин ки хомӯшии том барқарор гашт, ба
забони ибронӣ ба сухан шурӯъ намуда, чунин гуфт:

## Ба ҳузури мардуми бисьёр худро ҳимоят кардани Павлус.

**22** [1] «Эй бародарон ва эй падарон! Он чиро, ки пеши шумо барои
муҳофизати худ арз менамоям, гӯш кунед».
[2] Чун шуниданд, ки ба онҳо ба забони ибронӣ сухан мекунад, боз
зиёдтар хомӯш шуданд. Ӯ гуфт:
[3] «Ман яҳудӣ ҳастам, ки дар Тарсуси Қилиқия таваллуд шудаам ва
дар ин шаҳр дар хизмати Ҷамлиил тарбият ёфтаам ва шариати
падаронро бодиққат омӯхтаам ва дар роҳи Худо ғаюр будам, чунон
ки ҳамаи шумо имрӯз ҳастед;+
[4] Ва ин тариқатро то ба дараҷаи марг таъқиб менамудам ва
мардону занонро побанд карда, дар зиндон меандохтам;+
[5] Дар бораи ман саркоҳин ва ҳамаи пирон низ шаҳодат хоҳанд
дод, ки ман аз онҳо номаҳо гирифта, ба Димишқ назди бародарон
рафта будам, то ки дар он ҷо масеҳиёнро бандӣ карда, барои ҷазо ба
Ерусалим биёрам;+
[6] Аммо дар аснои роҳ, вақте ки ба Димишқ наздик меомадам,
қариби пешин баногоҳ нури азиме аз осмон давродаври ман
дурахшид;+
[7] Бар замин афтодам ва овозе шунидам, ки ба ман мегуфт: „Шоул,
Шоул! Барои чӣ Маро таъқиб мекунӣ?“
[8] Ба ҷавоб гуфтам: „Худовандо, Ту кистӣ?“ Ӯ ба ман гуфт: „Ман он
Исои Носирӣ ҳастам, ки ту Ӯро таъқиб мекунӣ“.
[9] Онҳое ки ҳамроҳи ман буданд, нурро дида, ҳаросон шуданд, вале
овози Он Касро, ки бо ман сухан мегуфт, намешуниданд.
[10] Он гоҳ ман гуфтам: „Худовандо! Чӣ кунам!“ Худованд ба ман
гуфт: „Бархез ва ба Димишқ бирав, ва дар он ҷо ҳар коре ки бояд
бикунӣ, ба ту гуфта хоҳад шуд“.
[11] Азбаски ман аз дурахши он нур нобино шуда будам,
ҳамроҳонам аз дастам гирифта, маро ба Димишқ бурданд.
[12] Ҳанониё ном марди порсои мутеи шариат, ки дар миёни ҳамаи
яҳудиёни сокини Димишқ некном буд,+
[13] Назди ман омада, истоду ба ман гуфт: „Эй бародар Шоул! Бино
шав“. Дарҳол чашмонам кушода шуду ман Ӯро дидам.
[14] Ӯ гуфт: „Худои падарони мо туро баргузидааст, то ки иродаи
Ӯро дарк намоӣ ва Он Одилро бубинӣ ва аз забонаш сухане бишнавӣ,

15 Чунки аз он чи дидаӣ ва шунидаӣ, дар пеши тамоми мардум
шоҳиди Ӯ хоҳӣ шуд;+
16 Пас, чаро таъхир мекунӣ? Бархез ва таъмид бигир ва исми Ӯро
хонда, аз гуноҳҳои ҳуд пок шав“+.
17 Вақте ки ба Ерусалим баргашта, дар маъбад дуо мегуфтам, дар
ҳолати бехудӣ афтодам+
18 Ва Ӯро дидам, ки мегуфт: „Шитоб намо ва аз Ерусалим зудтар
равона шав, чунки шаҳодати туро дар ҳаққи Ман қабул нахоҳанд
кард“.
19 Гуфтам: „Худовандо! Онҳо медонанд, ки ман мӯъминони Туро
дар зиндон меандохтам ва дар куништҳо шаллоқ мезадам,
20 Ва ҳангоме ки хуни шоҳиди Ту Истефанусро мерехтанд, ман дар
он ҷо истода, қатли ӯро таҳсин менамудам ва либосҳои қотилони
ӯро посбонӣ мекардам“+.
21 Аммо Ӯ ба ман гуфт: „Равона шав, зеро ки Ман туро ба ҷойҳои
дур сӯи ғайрияҳудиён хоҳам фиристод“».
22 о ҳамин суханаш ба ӯ гӯш доданд; сонӣ фарьёд зада, гуфтанд:
«Чунин шахсро аз рӯи замин маҳв кунед! Зеро ки набояд ӯ зинда
бимонад».
23 Дар ҳамон вақте ки онҳо дод мезаданд, ҷомаҳои худро
мепартофтанд ва чангу ғубор ба ҳаво мебардоштанд,
24 Мириҳазор амр фармуд, ки ӯро ба қалъа дароварда, тозиёна
зананд, то фаҳманд, ки аз чӣ сабаб бар ӯ ин қадар фарьёд мезананд.
25 Вақте ки ӯро бо тасмаҳо мебастанд, ба мирисаде ки наздаш
истода буд, гуфт: «Оё бар шумо ҷоиз аст, ки табааи Румро, бе он ки
маҳкум шуда бошад, тозиёна занед?»+
26 Чун мирисад инро шунид, назди мириҳазор рафта, хабар дод ва
гуфт: «Оё медонӣ, чӣ мекунӣ? Ин шахс табааи Рум аст».
27 Мириҳазор назди ӯ омада, пурсид: «Ба ман бигӯй, ки оё ту
табааи Рум ҳастӣ?» Гуфт: «Оре».
28 Мириҳазор гуфт: «Ман ин табаиятро ба бадали маблаға калон ба
даст овардаам». Павлус гуфт: «Аммо ман бо он ба дуньё омадаам».
29 Дарҳол онҳое ки ӯро шиканҷа карданӣ буданд, аз ӯ даст
кашиданд; мириҳазор низ, румӣ будани ӯро фаҳмида, ҳаросон шуд,
ки ӯро занҷир зада буд.

30 Рӯзи дигар, бо мақсади донистани он ки барои чӣ яҳудиён ӯро
айбдор мекунанд, ӯро аз завлона озод кард ва амр фармуд, ки
саркоҳинон ва тамоми шӯрои пирон ҷамъ шаванд, ва Павлусро
бароварда, назди онҳо ба по хезонд.

## Павлус ба ҳузури шӯрои пирон.

**23** 1 Павлус ба шӯрои пирон назар дӯхта, гуфт: «Эй бародарон!
Ман то имрӯз дар хузури Худо бо виҷдони пок рафтор
кардаам»+.
2 Саркоҳин Ҳанониё ба онҳое ки назди ӯ истода буданд, фармон
дод, ки ба даҳонаш як торсакӣ зананд+.
3 Павлус ба вай гуфт: «Худо туро хоҳад зад, эй девори сафедшуда!
Ту нишастаӣ, ки маро аз рӯи шариат доварӣ кунӣ, вале бар хилофи
шариат амр медиҳӣ, ки маро бизананд»+.
4 Онҳое ки назди ӯ истода буданд, гуфтанд: «Саркоҳини Худоро
дашном медиҳӣ?»+
5 Павлус гуфт: «Эй бародарон, ман надонистам, ки вай саркоҳин
аст; зеро ки навишта шудааст: „Ба пешвои қавми худ носазо
нагӯй“»+.
6 Вақте ки Павлус фаҳмид, ки як қисми онҳо саддуқиён ва қисми
дигарашон фарисиён мебошанд, дар шӯрои пирон нидокунон гуфт:
«Эй бародарон! Ман фарисӣ ва фарзанди фарисӣ ҳастам, ва аз барои
умеди эҳьёи мурдагон дар ин ҷо муҳокима карда мешавам»+.
7 Ҳамин ки ин суханонро гуфт, дар миёни фарисиён ва саддуқиён
низоъ афтод, ва аҳли ҷамъомад ду тақсим шуданд;
8 Зеро саддуқиён мегӯянд, ки на эҳьё вуҷуд дорад, на фаришта ё
рӯҳ, аммо фарисиён ин ҳар дуро эътироф менамоянд+.
9 Ғавғои азиме ба амал омад, ва китобдонони фирқаи фарисиён
бархоста, баҳскунон гуфтанд: «Мо дар ин шахс ҳеҷ бадӣ намебинем;
ва агар рӯҳе ё фариштае ба вай сухан гуфта бошад, ба Худо
муқобилат нахоҳем кард»+.
10 Аммо азбаски ихтилофот қувват гирифт, мириҳазор аз хавфи он
ки Павлусро тикка-тикка кунанд, ба сарбозон фармон дод, ки ӯро аз
миёни онҳо гирифта, ба қалъа дароранд.
11 Ҳамон шаб Худованд ба ӯ зоҳир шуда, гуфт: «Устувор бош,
Павлус, ва чӣ тавре ки дар Ерусалим дар ҳаққи Ман шаҳодат додӣ,
дар Рум низ бояд ҳамон тавр шаҳодат диҳӣ»+.

## Суиқасди яҳудиён ба муқобили Павлус.

12 Чун чашми рӯз кушода шуд, баъзе аз яҳудиён забон як карда,
қасам хӯрданд, ки то Павлусро накушанд, ба ҳеҷ хӯрданӣ ва
нӯшиданӣ лаб назананд;
13 Шумораи онҳое ки чунин аҳд карда буданд, бештар аз чиҳил
нафар буд;
14 Онҳо назди саркоҳинон ва пирон рафта, гуфтанд: «Мо савганд ёд
кардем, ки то Павлусро накушем, чизе начашем;
15 Акнун шумо ва шӯрои пирон ба мириҳазор ҳабар диҳед, ки
фардо ӯро назди шумо бароварад, гӯё ки меҳоҳед кори ӯро аниқтар
дида бароед; ва мо тайёр ҳастем, ки ӯро, пеш аз наздик омаданаш,
бикушем».
16 Аммо ҳоҳарзодаи Павлус аз қасди онхо воқиф шуд ва рафта, ба
қалъа даромад ва Павлусро хабардор кард.
17 Павлус яке аз мирисадҳоро даъват намуда, гуфт: «Ин ҷавонро
назди мириҳазор бибар, зеро чизе дорад, ки ба ӯ бигӯяд».
18 Вайро гирифта, назди мириҳазор бурд ва гуфт: «Павлуси бандӣ
маро даъват намуда, ҳоҳиш кард, ки ин ҷавонро назди ту биёрам,
зеро чизе дорад, ки ба ту бигӯяд».
19 Мириҳазор дасти вайро гирифта, ба ҳилватгоҳе бурд ва пурсид:
«Чӣ чиз аст, ки меҳоҳӣ ба ман бигӯӣ?»
20 Гуфт: «Яҳудиён маслиҳатро ба як ҷо мондаанд, ки аз ту хоҳиш
кунанд, то Павлусро фардо назди шӯрои пирон барорӣ, гӯё ки онҳо
меҳоҳанд кори ӯро аниқтар тафтиш намоянд;
21 Аммо ту ба онҳо гӯш надеҳ, зеро ки бештар аз чиҳил нафарашон
дар сари роҳи ӯ камин сохтаанд ва савганд ёд кардаанд, ки то ӯро
накушанд, чизе нахӯранд ва нанӯшанд; ва ҳоло онҳо тайёр шуда,
мунтазири фармоиши ту истодаанд».
22 Мириҳазор ҷавонро ҷавоб дода, гуфт: «Ба ҳеҷ кас нагӯ, ки маро
аз ин роз ҳабардор кардаӣ».

## Павлус ба Қайсария назди Феликс фиристода шуд.

23 Сонӣ ду мирисадро даъват намуда, гуфт: «Дусад сарбоз ва
ҳафтод савора ва дусад найзаандозро омода кунед, то ки имшаб
соати сеюм ба Қайсария бираванд.

[24] Инчунин маркабҳо ҳозир созед, то ки Павлусро савор карда, ба саломатӣ назди Феликси ҳоким равона намоед»+.

[25] Ӯ номае ба ин мазмун навишт:

[26] «Клавдиюс Лисиёс ба мӯҳтарам Феликси ҳоким салом мерасонад;
[27] Ин одамро яҳудиён дастгир карда буданд ва қасди куштани ӯро доштанд;
чун фаҳмидам, ки фуқарои Рум аст, бо сарбозон рафта, аз дасташон раҳонидам;+
[28] Азбаски ҳостам бидонам, ки бар ӯ чӣ даъво доранд,
ӯро ба шӯрои пирони онҳо овардам+
[29] Ва донистам,
ки ӯро дар ақидаҳои баҳсноки оид ба шариаташон айбдор мекунанд,
вале ӯ ҳеҷ коре накардааст, ки сазовори марг ё ҳабс бошад;+
[30] Чун ба гӯшам расид, ки яҳудиён қасди ҷони ин одам доранд,
фавран ӯро назди ту фиристодам ва ба даъвогаронаш низ амр фармудам,
ки даъвоҳои худро дар ҳаққи ӯ дар ҳузури ту баён кунанд;
вассалом»+.

[31] Сарбозон мувофиқи дастуре ки ба онҳо дода шуд, Павлусро гирифта, шабона ба Антипотрис бурданд.

[32] Ва рӯзи дигар ба саворон вогузор карданд, ки бо ӯ бираванд, ва худашон ба қалъа баргаштанд.

[33] Ҳамин ки онҳо ба Қайсария расиданд, номаро ба дасти ҳоким супурда, Павлусро низ назди ӯ ҳозир сохтанд.

[34] Ҳоким номаро хонда, пурсид, ки ӯ аз кадом вилоят аст, ва чун фаҳмид, ки аз Қилиқия аст, гуфт:+

[35] «Вақте ки даъвогарони ту ҳозир шаванд, сухани туро ҳоҳам шунид». Ва амр фармуд, ки ӯро дар сарбозхонаи Ҳиродус нигоҳ доранд.

## Павлус ба ҳузури Феликс.

24 [1] Баъд аз панҷ рӯз саркоҳин Ҳанониё бо пирон ва Тартуллӯс
ном нотиқе омад, ва онҳо шикояти худро дар ҳаққи Павлус ба
ҳоким супурданд+.

[2] Вақте ки Павлусро даъват карданд, Тартуллӯс ба айбдор кардани
ӯ шурӯъ намуда, гуфт:

[3] «Эй Феликси мӯҳтарам, мо ҳамеша ва дар ҳама ҷо бо камоли
миннатдорӣ эътироф менамоем, ки дар сояи ту осоиши комил
дорем, ва ба туфайли ғамхӯрии ту ин қавм ба некӯаҳволӣ расидааст;

[4] Вале, барои он ки туро бисьёр заҳмат надиҳам, аз ту
хоҳишмандам, ки илтифот намуда, мухтасаран арзи моро бишнавӣ:

[5] Зеро ки ин одамро фасодангез ёфтаем, ки ӯ дар миёни ҳамаи
яҳудиёни рӯи олам ошӯб меандозад ва сардастаи бидъати носирӣ
мебошад,+

[6] Ва ҳатто саъю кӯшиш намудааст, ки маъбадро палид гардонад, ва
мо ӯро дастгир кардем, то ки аз рӯи шариати худ бар ӯ доварӣ
намоем,+

[7] Аммо Лисиёси мириҳазор омада, ӯро бо зӯрӣ аз дасти мо гирифт

[8] Ва амр фармуд, ки даъвогарони ӯ назди ту биёянд; худат
метавонӣ тафтиш намуда, ҳар он чиро, ки мо бар ӯ даъво дорем, аз
худи ӯ бифаҳмӣ».

[9] Яҳудиён суханони ӯро тасдиқ карда, гуфтанд, ки чунин аст.

## Худро сафед кардани Павлус.

[10] Чун ҳоким ба Павлус ишора кард, ки сухан гӯяд, ӯ ба ҷавоб гуфт:
«Азбаски медонам, ки ту чандин сол боз довари ин қавм ҳастӣ, ман
кори худро дилпурона муҳофизат менамоям;

[11] Ту метавонӣ бифаҳмӣ, ки аз дувоздаҳ рӯз зиёд нагузаштааст, ки
ман барои ибодат ба Ерусалим рафта будам;

[12] Ва маро ҳеҷ кас надидааст, ки дар маъбад, ё дар куништҳо ва ё
дар шаҳр бо касе мубоҳиса карда бошам ё ки дар байни мардум ошӯб
андохта бошам;

[13] Низ он чиро, ки ҳоло бар ман даъво менамоянд, исбот карда
наметавонанд;

14 Лекин инро назди ту иқрор мекунам, ки аз рӯи тариқате ки
онҳо бидъат меноманд, ман дар ҳақиқат Худои падаронро ибодат
менамоям, дар ҳолате ки ба ҳар чи дар Таврот ва дар суҳафи анбиё
навишта шудааст, эътиқод дорам
15 Ва аз Худо умед дорам, чунон ки инҳо низ интизорӣ доранд, ки
ҳам барои одилон ва ҳам барои золимон эҳьёи мурдагон дар пеш
аст;+
16 Бинобар ин худам низ саъю кӯшиш менамоям, ки виҷдонам
назди Худо ва одамон ҳамеша пок бошад;+
17 Баъд аз чандин сол ман омадам, то ки ба халқи худ садақот
биёрам ва ҳадия пешкаш бикунам,+
18 Ва дар ҳолате ки таҳорат ёфта будам, ва дар гирду пешам на
мардуме буд, на ғавғое, маро дар маъбад чанд нафар яҳудиёни
вилояти Осиё диданд,+
19 Ки онҳо низ мебоист дар ин ҷо назди ту меистоданд ва, агар
чизе бар зидди ман дошта бошанд, даъво мекарданд;
20 Ё худи инҳо бигӯянд, ки аз ман, вақте ки назди шӯрои пирон
истода будам, чӣ хатое дидаанд,
21 Ҷуз он як сухан, ки дар миёни онҳо истода, бо овози баланд
гуфтам, ки аз барои эҳьёи мурдагон имрӯз пеши шумо муҳокима
карда мешавам»+.
22 Феликс, ки аз ин тариқат ба хубӣ огоҳӣ дошт, муҳокимаро ба
таъхир андохта, гуфт: «Вақте ки Лисиёси мириҳазор биёяд, кори
шуморо тафтиш хоҳам кард».
23 Ва ба мирисад амр фармуд, ки Павлусро дар бандиҳона нигоҳ
дорад, лекин ба ӯ сабукӣ диҳад ва ба ҳеҷ касе аз наздиконаш, ки
барои ҳизмат ё мулоқоти ӯ меоянд, монеъ нашавад.

## Павлус бори дуюм ба ҳузури Феликс.

24 Баъд аз чанд рӯз Феликс бо ҳамсари ҳуд Друсила, ки занаки
яҳудӣ буд, омад ва Павлусро даъват намуда, суханони ӯро дар бораи
имон ба Масеҳ гӯш кард.
25 Аммо вақте ки ӯ дар бораи адолат, парҳезгорӣ ва доварии оянда
сухан меронд, Феликс ба ҳарос афтода, ҷавоб дод: «Алҳол бирав, ва
ҳар гоҳ фурсат ёбам, боз туро даъват хоҳам кард»+.
26 Дар айни ҳол вай умедвор буд, ки Павлус ба вай пул медиҳад, то
ки ӯро озод кунад; бинобар ин ӯро дам ба дам даъват намуда, бо ӯ
мусоҳиба мекард.

## Ду соли оромӣ дар Қайсария.

27 Лекин баъд аз гузаштани ду сол Поркиюс Фестус ба ҷои Феликс
таъин шуд, ва Феликс, ки мехост яҳудиёнро хурсанд созад, Павлусро
дар зиндон нигоҳ дошт.

## Павлус ба ҳузури Фестус.

25 [1] Чун Фестус ба вилоят омад, баъд аз се рӯз аз Қайсария ба Ерусалим рафт.

[2] Саркоҳин ва бузургони яҳудиён даъвои худро нисбат ба Павлус ба вай фаҳмонданд ва гапи худро маъқул карданд.

[3] Ва илтимос карданд, ки ба онҳо илтифот намуда, ӯро ба Ерусалим биёрад; онҳо қасд доштанд, ки ӯро дар роҳ ба қатл расонанд+.

[4] Аммо Фестус ба ҷавоб гуфт, ки «Павлус дар Қайсария маҳбус аст, ва худи ман ба қарибӣ ба он ҷо бармегардам».

[5] «Бинобар ин», гуфт вай, «онҳое ки аз шумо метавонанд, ҳамроҳи ман биёянд, ва агар ин шахс айбе дошта бошад, бар ӯ даъво кунанд».

[6] Дар миёни онҳо аз ҳашт ё даҳ рӯз зиёд намонда, ба Қайсария баргашт, ва рӯзи дигар бар курсии доварӣ нишаста, амр фармуд, ки Павлусро биёранд.

[7] Вақте ки ӯ ҳозир шуд, яҳудиёне ки аз Ерусалим омада буданд, даври ӯро гирифта, бисьёр айбҳои гаронро ба гардани ӯ бор карданд, ки онҳоро исбот карда наметавонистанд.

[8] Вале ӯ худро муҳофизат намуда, гуфт: «Ман на бар зидди шариати яҳудиён, на бар зидди маъбад ва на бар зидди қайсар ҳеҷ ҷинояте накардаам».

[9] Фестус, ки мехост дили яҳудиёнро ёбад, дар ҷавоби Павлус гуфт: «Оё мехоҳӣ ба Ерусалим биравӣ, то ки ман туро дар он ҷо дар ин бобат доварӣ намоям?»

## Павлус доварии қайсарро талаб мекунад.

[10] Павлус гуфт: «Ман дар маҳкамаи қайсар истодаам, ва муҳокимаи ман бояд дар ҳамин ҷо ба амал ояд; ман ба яҳудиён ҳеҷ бадӣ накардаам, чунон ки худат ҳам инро ба хубӣ медонӣ;+

[11] Агар бадие ё ягон кори сазовори марг карда бошам, аз мурдан ибое надорам; лекин агар аз он айбҳое ки инҳо ба гардани ман мемонанд, дар ман ҳеҷ чизе набошад, касе ҳақ надорад маро ба дасти онҳо бисупорад; ман доварии қайсарро талаб мекунам».

[12] Фестус бо мушовиронаш маслиҳат карда, дар ҷавоби ӯ гуфт: «Модоме ки доварии қайсарро талаб мекунӣ, назди қайсар хоҳӣ

рафт»+.

## Павлус ба ҳузури подшоҳ Aғрипос.

## Беайб донистани Павлус.

[13] Баъд аз чанд рӯз подшоҳ Aғрипос ва Бернико ба Қайсария омаданд, то ки Фестусро муборакбод кунанд.
[14] Чун рӯзҳои зиёде дар он ҷо истоданд, Фестус ба подшоҳ кори Павлусро ҳикоят карда, гуфт: «Шахсе ҳаст, ки Феликс ӯро дар зиндон нигоҳ доштааст,
[15] Ва ҳангоме ки дар Ерусалим будам, саркоҳинон ва пирони яҳудӣ дар бораи ӯ ба ман гап заданд ва маҳкумияти ӯро талаб карданд.
[16] Дар ҷавоби онҳо гуфтам, ки расму таомули румиён ин нест, ки касеро ба марг таслим кунанд, бе он ки аввал айбдорро бо даъвогаронаш рӯ ба рӯ карда, ба вай имконият диҳанд, ки худро аз айбҳо сафед кунад.
[17] Бинобар ин, вақте ки онҳо ба ин ҷо омаданд, ман бе таъхир, фардои он, бар курсии доварӣ нишастам ва амр фармудам, ки он шахсро биёранд.
[18] Аммо даъвогарон бархоста, аз он чи ман гумон доштам, ҳеҷ як айберо ба гардани ӯ монда натавонистанд,
[19] Балки бо ӯ фақат дар бораи парастиши Худои худ ва дар бораи Исо ном шахсе ки мурдааст, вале Павлус мегуфт, ки Ӯ зинда аст, ихтилофи ақида доштанд+.
[20] Чун дар ҳалли ин масъала душворӣ кашидам, ман гуфтам: „Оё ӯ мехоҳад ба Ерусалим биравад, то ки муҳокимаи ӯ дар он ҷо ба амал ояд?“
[21] Аммо Павлус талаб кард, ки ӯро барои доварии Авғустус маҳфуз дорам, бинобар ин ман амр фармудам, ки то вақте ки ӯро назди қайсар бифиристам, ӯ дар ҳабс нигоҳ дошта шавад».
[22] Aғрипос ба Фестус гуфт: «Ман ҳам мехостам суханони ин шахсро бишнавам». Дар ҷавоб гуфт: «Фардо хоҳӣ шунид».
[23] Рӯзи дигар, вақте ки Aғрипос ва Бернико бо ҳашамати бузурге омада, бо мириҳазорон ва бузургони шаҳр ба маҳкама дохил шуданд, бо фармони Фестус Павлусро оварданд.

[24] Фестус гуфт: «Эй подшоҳ Аґрипос ва эй ҳамаи мардумоне ки дар
ин ҷо ҳузур доред! Инак, шумо ҳамон шахсро мебинед, ки тамоми
ҷамоати яҳудиён, чи дар Ерусалим ва чи дар ин ҷо, ба ман аз ӯ
шикоят қардаанд ва фарьёд зада гуфтаанд, ки ӯ набояд дигар зинда
бимонад;+
[25] Лекин ман, чун дидам, ки ӯ ҳеҷ кори сазовори марг накардааст
ва худаш низ доварии Авґустусро талаб намуд, ба ин сабаб қарор
додам, ки ӯро ба он ҷо бифиристам;+
[26] Азбаски ҳеҷ чизи дурусте надорам, ки дар ҳаққи ӯ ба олиҳазрат
бинависам, бинобар ин ӯро назди шумо ва алалхусус назди ту,
подшоҳ Аґрипос, овардам, то ки дар натиҷаи таҳқиқ чизе барои
навиштанам пайдо кунам;
[27] Зеро ба назарам хилофи ақл менамояд, ки бандиеро
фиристонаму айбҳои ба гарданаш мондашударо нишон надиҳам».

## Ба ҳузури Ағрипос худро ҳимоят кардани Павлус.

**26** 1 Ағрипос ба Павлус гуфт: «Ба ту иҷозат дода мешавад, ки
барои ҳимояти худ сухан гуӣ». Он гоҳ Павлус дасти худро дароз
карда, барои муҳофизати худ гуфт:+
2 «Эй подшоҳ Ағрипос! Барои худ камоли хушбахтӣ медонам, ки
имрӯз имконият дорам дар ҳузури ту худро аз ҳамаи айбҳое ки
яҳудиён ба гардани ман бастаанд, муҳофизат намоям,
3 Хусусан ки ту аз ҳамаи расму таомулҳо ва ихтилофоти байни
яҳудиён ба хубӣ воқиф ҳастӣ. Бинобар ин аз ту хоҳишмандам, ки
ҳиммат намуда, суханони маро бишнавӣ.
4 Зиндагии маро, ки аз аввали ҷавониам онро дар миёни қавми
худам ва дар Ерусалим гузарондаам, ҳамаи яҳудиён медонанд;+
5 Онҳо аз рӯзҳои аввал маро мешиносанд ва, агар бихоҳанд,
метавонанд гувоҳӣ диҳанд, ки ман мувофиқи порсотарин тариқати
мазҳаби мо фарисӣ шуда рафтор мекардам+.
6 Ва ҳоло барои умед бастанам ба он ваъдае, ки Худо ба падарони
мо додааст, ман муҳокима карда мешавам,
7 Дар сурате ки дувоздаҳ сибти мо шабу рӯз бо ҷидду ҷаҳд ибодат
мекунанд ба умеди он ки иҷрои ҳамон ваъдаро бубинанд: аз барои
ҳамин умед, эй подшоҳ Ағрипос, яҳудиён маро айбдор мекунанд+.
8 Чаро ба назари шумо аз ақл берун менамояд, ки Худо
мурдагонро эҳъё мекунад+?
9 Оре, ман ҳам пештар барои худ воҷиб медонистам, ки бар зидди
исми Исои Носирӣ ҳар чи зиёдтар амал кунам,+
10 Чӣ тавре ки дар Ерусалим мекардам: аз саркоҳинон изн
гирифта, бисьёр муқаддасонро дар зиндон меандоҳтам, ва ҳангоме
ки онҳоро мекуштанд, бар зиддашон фатво медодам;+
11 Дар ҳамаи куништҳо ҳар дам онҳоро азоб медодам ва маҷбур
мекардам, ки куфр бигӯянд, ва азбаски хашму ғазабам нисбат ба
онҳо пурзӯр буд, ҳатто дар шаҳрҳои бегона онҳоро таъқиб
менамудам+.
12 Боре барои чунин амалиёт бо изн ва супориши саркоҳинон ба
Димишқ мерафтам;+
13 Ва инак, эй подшоҳ, дар нисфи рӯз дар роҳ нуреро аз осмон
дидам, ки равшантар аз офтоб буд, ва давродаври ман ва ҳамроҳонам

дураҳшид.
[14] Ҳамаамон бар замин афтодем, ва ман овозе шунидам, ки ба
забони ибронӣ ба ман мегуфт: „Шоул, Шоул! Барои чӣ маро таъқиб
мекунӣ? Лагад заданат ба сиҳак душвор аст“.
[15] Ман гуфтам: „Худовандо, Ту кистӣ?“ Гуфт: „Ман он Исо ҳастам,
ки ту Ӯро таъқиб мекунӣ;
[16] Аммо бархез ва бар пои худ биист; зеро барои он ба ту зоҳир
шудаам, ки туро ҳодим ва шоҳид таъин намоям бар он чи дидаӣ ва
бар он чи ба ту ошкор ҳоҳам кард;
[17] Ва туро раҳоӣ ҳоҳам дод аз дасти ин қавм ва аз дасти ҳалқҳое ки
холо туро назди онҳо мефиристам,
[18] То ки чашмони онҳоро воз кунӣ, ва онҳо аз зулмот ба рӯшноӣ
бароянд ва аз чанголи шайтон раҳо шуда, ба Худо руҷӯъ намоянд ва
ба василаи имоне ки ба Ман меоваранд, омурзиши гуноҳҳо ва насибе
дар миёни муқаддасон пайдо кунанд“+.
[19] Бинобар ин, эй подшоҳ Ағрипос, ба рӯъёи осмонӣ беимонӣ
накардам,
[20] Балки дар навбати аввал ба сокинони Димишқ ва Ерусалим ва
тамоми сарзамини Яҳудо ва низ ба ғайрияҳудиён мавъиза
менамудам, ки тавба карда, ба Худо руҷӯъ намоянд ва корҳое
кунанд, ки сазовори тавба бошад+.
[21] Аз барои ҳамин маро яҳудиён дар маъбад дастгир карданд ва
куштанӣ шуданд+.
[22] Аммо Худо ба ман ёр шуд, ва ман то имрӯз зинда мондаам ва ба
хурду калон шаҳодат медиҳам ва гапе намезанам ҷуз он чи анбиё ва
Мусо гуфтаанд, ки бояд ба вуқӯъ ояд,
[23] Яъне Масеҳ бояд азобу уқубат кашад ва аввалин касе бошад, ки
аз мурдагон эҳьё шуда, ба ин қавм ва ба халқҳо аз тулӯи нур хабар
расонад»+.
[24] Чун ӯ ба ин тарз худро муҳофизат мекард, Фестус бо овози
баланд гуфт: «Эй Павлус, ту аз ақл бегона шудаӣ! Дониши бисьёр
туро девона кардааст».
[25] Гуфт: «Эй Фестуси мӯҳтарам, ман аз ақл бегона нашудаам, балки
суханони ҳақиқатро бо ақли солим баён менамоям:
[26] Зеро подшоҳе ки дар ҳузураш далерона сухан меронам, аз ин
воқиф аст; ман яқин дорам, ки чизе дар ин бора аз ӯ пӯшида нест,

зеро ки ин дар хилватгоҳе воқеъ нашудааст;
27 Эй подшоҳ Агрипос, оё ба анбиё имон дорӣ? Медонам, ки имон
дорӣ».
28 Агрипос ба Павлус гуфт: «Кам мондааст маро тарғиб намоӣ, ки
масеҳӣ шавам».
29 Павлус гуфт: «Аз Худо мехостам, ки ба андозаи кам ё зиёд на
танҳо ту, балки ҳамаи онҳое ки сухани маро мешунаванд, мисли ман
гарданд, ҷуз аз ин занҷирҳо»+.
30 Чун инро гуфт, подшоҳ ва ҳоким, Берникө ва дигар касоне ки бо
онҳо нишаста буданд, бархостанд.
31 Ва онсӯтар рафта, ба якдигар гуфтанд: «Ин одам ҳеҷ коре
накардааст, ки сазовори марг ё ҳабс бошад»+.
32 Агрипос ба Фестус гуфт: «Агар ин одам доварии қайсарро талаб
намекард, метавонист озод шавад»+.

## Павлус дар аснои роҳи Рум.

### 1. Роҳ то ба Крит.

**27** 1 Чун қарор доданд, ки бо киштӣ ба Итолия равем, Павлус ва
чанд бандии дигарро ба мирисади қӯшуни Авғустус, ки Юлиус
ном дошт, супурданд+.
2 Ба киштии Адрамит савор шуда, ба роҳ даромадем, ки он ният
дошт дар наздикии соҳили вилояти Осиё шино кунад;Ористархуси
мақдунӣ аз аҳли Таслӯникӣ ҳамроҳи мо буд+.
3 Рӯзи дигар ба Сидӯн расидем; Юлиус ба Павлус илтифот намуда,
иҷозат дод, ки назди дӯстони худ рафта, лавозимоти сафарашро аз
онҳо бигирад.
4 Аз он ҷо равона шуда, дар қарибии Қаприс гузаштем, зеро ки
боди мухолиф мевазид;
5 Баҳрро дар рӯ ба рӯи Қилиқия ва Памфилия тай намуда, ба
Мирои Ликия расидем.
6 Дар он ҷо мирисад киштии Искандарияро, ки ба Итолия мерафт,
пайдо карда, моро бар он савор кард+.
7 Чандин рӯз оҳиста-оҳиста шино карда, базӯр ба Қнидӯс наздик
омадем, вале азбаски боди номусоид мевазид, сӯи Крит ба соҳили
Салмӯнӣ рондем
8 Ва бо душворӣ аз пеши он гузашта, ба мавзее расидем, ки
Бандари Нек ном дошт ва ба шаҳри Ласия наздик буд.
9 Баъд аз гузаштани муддати зиёд, ки сафари баҳр акнун хатарнок
шуда буд, зеро ки айёми рӯзадорӣ ҳам гузашта буд, Павлус онҳоро
таъкид намуда,
10 Гуфт: «Эй мардон! Мебинам, ки ин сафари мо на танҳо барои
бор ва киштӣ, балки барои ҷони мо низ хеле душвор ва зарарнок
хоҳад шуд».
11 Аммо мирисад аз суханони Павлус дида, бештар ба гапи
суккондор ва соҳиби киштӣ боварӣ дошт.
12 Азбаски он бандар барои зимистонгузаронӣ мувофиқ набуд,
бисьёр касон маслиҳат доданд, ки аз он ҷо бираванд, то ки, шояд, ба
Финиқо расида, айёми зимистонро дар ин бандари Крит, ки рӯ ба
самти ҷануби ғарбӣ ва шимоли ғарбӣ воқеъ аст, гузаронанд.

13 Чун боди ҷанубӣ вазид, ба гумони он ки муродашон ҳосил шуд, лангар бардошта, дар қарибии соҳили Крит равона шуданд.

## 2. Тундбод.

14 Вале дере нагузашта, боди сахти мухолифе бархост, ки авриклидӯн ном дорад,+

15 Ва чунон бошиддат ба киштӣ омада зад, ки он ба муқобили бод истода натавонист, ва мо идораи киштиро аз даст дода, беихтиёр ба ҷараёни об ронда шудем

16 Ва ба ҷазирачае ки Клавдо ном дорад, бошиддат бархӯрда, қаиқи киштиро базӯр нигоҳ дошта тавонистем.

17 Онро кашида баровварда, камари киштиро бо танобҳо маҳкам бастанд ва, аз тарси он ки дар ҷои пастобе фурӯ монанд, бодбонро фуровварданд, ва мо ҳамчунон ба ҷараёни об ронда мешудем.

18 Рӯзи дигар, ба сабаби пурзӯр шудани тӯфон, бори киштиро ба об партофтан гирифтанд+.

19 Дар рӯзи сеюм мо бо дастҳои худ асбобу анҷоми киштиро баровварда партофтем.

20 Чандин рӯз на офтоб аён мешуд, на ситорагон; тӯфони шадид як зайл давом мекард, ва дигар ҳеҷ умеде барои халосии мо набуд.

21 Азбаски муддати дуру дароз чизе нахӯрда буданд, Павлус дар миёни онхо истода, гуфт: «Эй мардон! Кошки ба сухани ман даромада, аз Крит намебаромадед, ки дар он сурат аз ҳамаи ин мушкилот ва зиён амон меёфтед;

22 Акнун низ шуморо насиҳат дода, мегӯям, ки қавидил бошед, чунки ҳеҷ осебе ба ҷони ҳеҷ яке аз шумо нахоҳад расид, фақат киштӣ талаф хоҳад шуд;

23 Зеро ки имшаб фариштаи Худое ки ман аз они Ӯ ҳастам ва Ӯро ибодат мекунам, ба ман зоҳир шуд+

24 Ва гуфт: „Эй Павлус, натарс! Ту бояд дар ҳузури қайсар ҳозир шавӣ, ва инак, Худо ҷони ҳамаи ҳамсафаронатро ба ту бахшидааст“+.

25 Бинобар ин, эй мардон, қавидил бошед, зеро ки ман ба Худо имон дорам, ва ҳамон тавре ки ба ман гуфтааст, воқеъ хоҳад шуд:

26 Лекин бар яке аз ҷазираҳо хоҳем афтод»+.

## 3. Киштӣ дар ҷои пастобе фурӯ монд.

27 Чун шаби чордаҳум фаро расид, ва мо ҳанӯз дар баҳри Адриё ба
ҳар сӯ ронда мешудем, дар қарибии нисфи шаб, маллоҳон пай
бурданд, ки хушкие наздик аст,
28 Ва чуқурии обро чен карданд, бист қомат баромад, андаке пеш
рафта, боз чен карданд, понздаҳ қомат баромад.
29 Аз бими он ки ба санглоҳе бархӯранд, аз думи киштӣ чор лангар
андохтанд ва дамидани субҳро мунтазир шуданд.
30 Маллоҳон мехостанд киштиро тарк кунанд, ва бо ин мақсад
қаиқро ба об мефуроварданд, ба баҳонаи он ки гӯё мехоҳанд
лангарҳоро аз бинии киштӣ биандозанд,
31 Аммо Павлус ба мирисад ва сарбозон гуфт: «Агар инҳо дар
киштӣ намонанд, шумо наҷот нахоҳед ёфт».
32 Он гоҳ сарбозон танобҳои қаиқро буриданд, ва он афтод.
33 Пеш аз субҳидам Павлус аз ҳама хоҳиш кард, ки чизе бихӯранд;
ӯ гуфт: «Имрӯз рӯзи чордаҳум аст, ки шумо интизорӣ кашида, чизе
нахӯрдаед ва гурусна ҳастед.
34 Бинобар ин шуморо даъват менамоям, ки чизе бихӯред, зеро ки
саломатии ҷони шумо ба ин вобаста аст: мӯе аз сари ҳеҷ яке аз шумо
наҳоҳад афтод»+.
35 Бо ин суханон нонро гирифта, дар ҳузури ҳама Худоро
шукргузорӣ кард ва онро шикаста, ба хӯрдан шурӯъ намуд+.
36 Он гоҳ ҳама қавидил шуданд, ва онҳо низ нон хӯрданд.
37 Шумораи мо дар киштӣ ҷамъ дусаду ҳафтоду шаш нафар буд.
38 Чун аз хӯрок сер шуданд, гандумро ба об партофта, киштиро
сабук карданд.
39 Вақте ки рӯз равшан шуд, заминро нашинохтанд, лекин халиҷе
диданд, ки соҳили паст дошт, ва қарор доданд, ки агар мумкин
шавад, киштиро сӯи он биронанд.
40 Лангарҳоро бурида, дар баҳр гузоштанд, бандҳои сукконро низ
кушоданд ва бодбонро ба ҷараёни бод боло кашида, роҳи соҳилро
пеш гирифтанд.
41 Ба димоғае дакка хӯрданд, ва киштӣ дар ҷои пастобе фурӯ монд:
бинии он дармонда беҳаракат истод, лекин думаш аз шиддати
мавҷҳо дарҳам шикаст.

42 Сарбозон қасди куштани бандиён карданд, ки мабодо касе
шинокунон гурехта равад.
43 Лекин мирисад ки мехост Павлусро раҳо кунад, ба ин қасди
онҳо монеъ шуд ва фармуд, ки аввал касоне ки шино карда
метавонанд, худро дар об андохта, ба соҳил бирасанд,+
44 Ва дигарон, баъзе бар тахтаҳо ва баъзе бар шикастапораҳои
киштӣ аз дунболи онҳо бираванд. Ба ҳамин тарз ҳамаашон ба
саломатӣ ба хушкӣ расиданд.

## 4. Фурудоӣ ба ҷазираи Малит.

## Павлусро мор газид.

**28** [1] Вақте ки раҳо шудем, фаҳмидем, ки он ҷазира Малит ном дорад.

[2] Сокинони ҷазира ба мо хеле меҳрубонӣ намуданд: азбаски борон meборид ва ҳаво хунук буд, онҳо оташ афрӯхта, ҳамаамонро пазироӣ карданд.

[3] Павлус як миқдор ҳезум ҷамъ карда буд, ва ҳангоме ки онро дар оташ меандохт, ба сабаби гармии оташ мори афъие берун омада, ба дасташ часпид.

[4] Ҳамин ки сокинони ҷазира ҷонварро бар дасти ӯ овезон диданд, ба якдигар гуфтанд: «Бидуни шакку шубҳа, ин шахс қотил аст, ки бо вуҷуди аз баҳр раҳо шуданаш адолат намегузорад, ки ӯ зинда бимонад».

[5] Аммо ӯ ҷонварро дар оташ афканд ва ҳеҷ осебе надид+.

[6] Онҳо мунтазир буданд, ки баданаш варам мекунад ё ки ӯ баногоҳ афтода ҷон медиҳад; вале чун бисьёр интизорӣ кашиданд ва диданд, ки ҳеҷ офате ба ӯ нарасид, фикрашон дигаргун шуд, ва гуфтанд, ки ӯ Худое мебошад+.

## 5. Мӯъҷизаи шифо ёфтани падари Публиюс.

[7] Дар наздикиҳои он мавзеъ амлоки сардори ҷазира буд, ки ӯ Публиюс ном дошт; ӯ моро ба хонаи худ оварда, се рӯз бо меҳрубонӣ пазироӣ намуд.

[8] Падари Публиюс гирифтори табларза ва дарди ишкам шуда хобида буд, ва Павлус назди вай омад ва дастҳои худро бар вай гузошта, вайро шифо дод+.

[9] Баъд аз ин воқеа дигар беморони ҷазира низ омада, шифо ёфтанд,

[10] Ва моро хеле иззату ҳурмат карданд, ва ҳангоме ки аз он ҷо мерафтем, моро бо лавозимоти сафар таъмин намуданд.

[11] Пас аз се моҳ ба киштии Искандария, ки аломати Ҷавзо дошт ва зимистонро дар ҷазира гузаронда буд, савор шудем+

[12] Ва ба Саркузо расида, дар он ҷо се рӯз мондем;

13 Аз он ҷо равона шуда, ба Риғюн омадем; азбаски баъд аз як рӯз
боди ҷанубӣ вазид, рӯзи дуюм вориди Пӯтюлӣ шудем;
14 Дар он ҷо бародаронро ёфта, мувофиқи хоҳишашон ҳафт рӯз
назди онҳо мондем ва сонӣ роҳи Румро пеш гирифтем.
15 Бародарони он ҷо, чун аз омадани мо хабардор шуданд, то
бозоргоҳи Опиюс ва меҳмонсарое ки «Се майхона» ном дошт, ба
истиқболи мо омаданд, ва Павлус онҳоро дида, ба Худо шукргузорӣ
кард ва қавидил гашт.

## Павлус дар Рум ва хизматгузории ӯ.

16 Вақте ки ба Рум расидем, мирисад бандиёнро ба сипаҳсолор
супурд, аммо ба Павлус иҷозат шуд, ки бо як сарбоз, ки ӯро посбонӣ
мекард, дар хонаи ҷудогонае иқомат кунад.
17 Баъд аз се рӯз Павлус бузургони яҳудиёнро даъват намуд, ва
ҳангоме ки онҳо ҷамъ омаданд, ба онҳо гуфт: «Эй бародарон!
Гарчанде ки ман ҳеҷ амале бар зидди қавм ва расму таомули
падарон накардаам, маро дар Ерусалим бандӣ карда, ба дасти
румиён супурданд;
18 Онҳо, баъд аз тафтиш, мехостанд маро озод кунанд, чунки ман
ҳеҷ гуноҳе накардаам, ки сазовори марг бошам;+
19 Аммо азбаски яҳудиён мухолифат карданд, ман маҷбур шудам
доварии қайсарро талаб намоям, вале на аз барои он ки аз қавми худ
шикояте кунам;
20 Ба ин сабаб ман шуморо даъват намудам, то ки бо шумо вохӯрда
гуфтугӯ кунам, зеро ки аз барои умеди Исроил бо ин занҷир баста
шудаам».
21 Ба ӯ гуфтанд: «Мо ҳеҷ номае дар ҳаққи ту аз Яҳудо
нагирифтаем, ва аз бародароне ки ба ин ҷо омада буданд, ҳеҷ кас аз
ту чизе хабар надодааст ва ё суҳани баде нагуфтааст;
22 Лекин хоҳишмандем, ки фикру ақидаи туро аз худат бишнавем,
зеро ба мо маълум аст, ки дар бораи ин фирқа дар ҳама ҷо ҷидол
мекунанд».
23 Рӯзеро барои ӯ муқаррар карданд, ва мардуми бисьёре назди ӯ
ба манзилаш омаданд, ва ӯ аз субҳ то шом ба онҳо аз Малакути Худо
шаҳодат ва шарҳ медод ва аз Тавроти Мусо ва суҳафи анбиё далелҳо
дар бораи Исо меовард+.

[24] Баъзе аз онҳо ба суханонаш имон оварданд, вале дигарон имон
наоварданд.

## Павлус ба халқҳо мавъиза мекунад.

[25] Азбаски бо якдигар мухолифат доштанд, Павлус пеш аз рафтани
онҳо чунин сухане гуфт: «Рӯҳулқудс ба василаи Ишаъёи набӣ ба
падарони мо чӣ хуб гуфтааст:+
[26] „Назди ин қавм бирав ва бигӯ: бо гӯшҳои шунаво хоҳед шунид,
вале нахоҳед фаҳмид; ва бо чашмҳои бино хоҳед нигарист,
вале нахоҳед дид;
[27] Зеро ки дили ин қавм сахт ва гӯшҳошон вазнин
ва чашмҳошон баста шудааст,
мабодо бо чашмҳо бубинанд ва бо гӯшҳо бишнаванд ва бо дил
бифаҳманд ва руҷӯъ кунанд,
то ки онҳоро шифо бахшам“+.
[28] Пас, бидонед, ки наҷоти Худо ба ғайрияҳудиён фиристода
шудааст, ва онҳо хоҳанд шунид»+.
[29] Чун инро гуфт, яҳудиён рафтанд, дар ҳолате ки бо якдигар
бисьёр мубоҳиса мекарданд.
[30] Павлус ду соли тамом дар хонаи иҷорагии худ истиқомат кард,
ва ҳар киро, ки назди ӯ меомад, пазироӣ менамуд
[31] Ва Малакути Худоро мавъиза мекард ва бо тамоми далерӣ
тариқати Исои Масеҳи Худовандро бемалол таълим медод+.

---

* 1:12 **Роҳравии рӯзи шанбе** — тақрибан як километр.

* 21:8 Ниг. боби шашуми «Аъмоли ҳаввориён».

---

+ 1:1 Лук. 1:3, Марқ. 16:19, Лук. 24:51

+ 1:3 Мат. 28:17, Марқ. 16:14, Лук. 24:15-49, Юҳ. 20:19-29, 1 Қӯр. 15:5-7

+ 1:4 Лук. 24:49

+ 1:5 Луқ. 3:3, Юил 2:28

+ 1:6 Ом. 9:11, Мик. 4:8, Луқ. 17:20, Луқ. 19:11

+ 1:7 1 Тас. 5:1

+ 1:8 Аъм. 8:1, Аъм. 8:14, Луқ. 24:48-49, Марқ. 16:15

+ 1:9 Марқ. 16:19

+ 1:10 Дон. 7:9, Дон. 10:6, Марқ. 9:3, Юҳ. 20:12

+ 1:11 Мат. 16:27

+ 1:12 2 Подш. 15:30, Зак. 14:4

+ 1:13 Мат. 10:2-4, Марқ. 3:17-18, Луқ. 6:14-16

+ 1:14 Марқ. 3:31, Марқ. 6:3, Юҳ. 2:12, Юҳ. 7:3, 1 Қӯр. 9:5, Ғал. 1:19

+ 1:16 Луқ. 22:47, Луқ. 22:37, Луқ. 24:44

+ 1:17 Юҳ. 6:71, Юҳ. 13:21

+ 1:19 Мат. 27:8

+ 1:20 Заб. 68:26, Заб. 108:8

+ 1:22 Луқ. 3:3, Луқ. 24:48

+ 1:23 Аъм. 18:7, Қӯл. 4:11

+ 1:24 3 Подш. 8:39, 1 Вақ. 28:9, 2 Вак. 6:30, Аъм. 15:8

+ 1:26 Мас. 16:33

+ 2:1 Хур. 23:16, Хур. 34:22, Иб. 23:15, Так. Шар. 16:9, Аъм. 20:16

+ 2:3 Мат. 3:11

+ 2:4 Аъм. 4:31, Аъм. 13:52, Луқ. 24:49, Аъм. 1:4-5

+ 2:11 Аъм. 6:5, Аъм. 13:43

+ 2:13 1 Қӯр. 14:23

+ 2:16 Юил 2:28-32

+ 2:17 Иш. 32:15, Иш. 44:3, Ҳиз. 39:29

+ 2:19 Мат. 24:30, Луқ. 21:11, Ваҳй 8:7

+ 2:20 Иш. 13:10, Ҳиз. 32:7-8, Ваҳй 6:12

+ 2:21 Рум. 10:13

+ 2:22 Юҳ. 3:2

+ 2:23 Луқ. 22:22, Луқ. 23:33

+ 2:24 Луқ. 24:5-6, Рум. 8:11

+ 2:25 Заб. 15:8-11

+ 2:27 Айюб 33:28, Заб. 29:4, Заб. 48:16, Заб. 85:13, Иш. 38:17

+ 2:28 Мат. 7:14, Заб. 15:8-11, Аъм. 13:35

+ 2:29 3 Подш. 2:10, Наҳ. 3:16, Аъм. 13:36

+ 2:30 2 Подш. 23:2, 2 Подш. 7:12-16, Заб. 131:11

+ 2:31 Заб. 15:10

+ 2:33 Заб. 109:1, Марқ. 16:19, Аъм. 7:55-56, Рум. 8:34, Ибр. 1:3

+ 2:34 Заб. 109:1, Луқ. 20:42-43

+ 2:37 Луқ. 3:10, Аъм. 16:30

+ 2:38 Марқ. 1:4, Аъм. 10:48, Луқ. 11:13, Аъм. 8:15

+ 2:39 Эфс. 2:13

+ 2:44 Аъм. 4:32-37

+ 3:2 Аъм. 14:8

+ 3:6 2 Қӯр. 6:10

+ 3:7 Марқ. 1:31, Марқ. 5:41, Марқ. 9:27, Аъм. 9:41

+ 3:8 Иш. 35:6, Аъм. 14:10

+ 3:11 Юҳ. 10:23, Аъм. 5:12

+ 3:13 Хур. 3:6, Юҳ. 8:54, Юҳ. 17:1, 2 Пет. 1:17, Луқ. 23:14, Юҳ. 19:12

+ 3:14 Луқ. 23:18

+ 3:17 Аъм. 13:27, 1 Тим. 1:13

+ 3:21 Луқ. 1:69-70, Рум. 1:2

+ 3:22 Так. Шар. 18:15-16, Мат. 17:5, Аъм. 7:37

+ 3:23 Иб. 23:29, Так. Шар. 18:19

+ 3:24 1 Подш. 3:19-20

+ 3:25 Ҳас. 22:18, Ҳас. 26:4

+ 4:1 Мат. 22:23, Аъм. 23:8

+ 4:3 Луқ. 21:12

+ 4:6 Мат. 26:3, Луқ. 3:2, Юҳ. 18:13

+ 4:7 Луқ. 20:2

+ 4:8 Марқ. 13:11, Аъм. 6:10, Аъм. 13:9

+ 4:9 Аъм. 3:6-8

+ 4:11 Заб. 117:22, Луқ. 20:17, 1 Пет. 2:7

+ 4:12 Мат. 1:21

+ 4:14 Аъм. 3:11

+ 4:19 Аъм. 5:29

+ 4:21 Луқ. 20:6, Луқ. 22:2, Аъм. 5:26

+ 4:24 Хур. 20:11

+ 4:26 Заб. 2:1-2

+ 4:27 Луқ. 23:1, Луқ. 23:11, Аъм. 3:13

+ 4:29 Эфс. 6:19

+ 4:31 Аъм. 2:4, Аъм. 13:52

+ 4:32 Аъм. 2:44

+ 4:34 2 Қӯр. 8:14

+ 4:36 Аъм. 9:27, Аъм. 13:2, Аъм. 15:36, Ғал. 2:9

+ 5:4 Воиз 5:4-5

+ 5:12 Марқ. 16:20, Юҳ. 10:23, Аъм. 3:11

+ 5:15 Марқ. 6:55, Аъм. 19:11-12

+ 5:17 Аъм. 4:1, Аъм. 23:8, Марқ. 15:10, Аъм. 13:45

+ 5:18 Луқ. 21:12, Аъм. 4:3

+ 5:19 Аъм. 12:7-10, Аъм. 16:26

+ 5:26 Луқ. 20:6, Луқ. 22:2, Аъм. 4:21

+ 5:27 Мат. 10:17, Мат. 26:59

+ 5:28 Аъм. 4:17-18, Мат. 27:25

+ 5:29 Аъм. 4:19

+ 5:32 Луқ. 24:48, Юҳ. 15:26

+ 5:33 Аъм. 7:54

+ 5:34 Аъм. 22:3, Ирм. 26:17

+ 5:37 Ад. 1:2, 1 Вақ. 21:1, Луқ. 2:2

+ 5:38 Нав. 3:37

+ 5:39 Иш. 8:9-10

+ 5:41 Мат. 5:12, 1 Пет. 4:13-14, 2 Қӯр. 12:10

+ 6:1 Аъм. 9:29

+ 6:3 1 Тим. 3:8

+ 6:5 Аъм. 8:5, Аъм. 21:8, Аъм. 2:11, Аъм. 13:43

+ 6:6 1 Тим. 4:14, 1 Тим. 5:22, 2 Тим. 1:6

+ 6:7 Аъм. 12:24, Аъм. 19:20

+ 6:10 Аъм. 4:8, Лук. 21:15

+ 6:11 3 Подш. 21:10, Мат. 26:59

+ 6:13 Аъм. 21:28

+ 6:14 Мат. 26:61, Юх. 2:19-22, Мат. 5:17

+ 7:2 Ҳас. 11:31, Ҳас. 12:4

+ 7:3 Ҳас. 12:1

+ 7:4 Ҳас. 11:32

+ 7:5 Ҳас. 15:3, Ҳас. 18:10, Ҳас. 12:7, Ҳас. 13:15, Ҳас. 15:18

+ 7:6 Ҳас. 15:13, Хур. 12:40

+ 7:7 Ҳас. 15:14, Хур. 3:12

+ 7:8 Ҳас. 17:9-14, Ҳас. 21:2-4, Ҳас. 25:26, Ҳас. 29:31-35, Ҳас. 30:5-24

+ 7:9 Ҳас. 37:11, Ҳас. 37:28, Ҳас. 39:2

+ 7:10 Ҳас. 41:37-43

+ 7:12 Ҳас. 42:1-5

+ 7:13 Ҳас. 43:1-15, Ҳас. 45:1-4

+ 7:14 Ҳас. 45:9-10, Ҳас. 46:27

+ 7:15 Ҳас. 46:5, Ҳас. 46:28, Ҳас. 49:33, Хур. 1:6

+ 7:16 Ҳас. 50:25, Еҳ. 24:32

+ 7:17 Хур. 1:7, Хур. 1:12

+ 7:18 Хур. 1:8

+ 7:19 Хур. 1:10-11, Хур. 1:16

+ 7:20 Хур. 2:2-3, Ибр. 11:23

+ 7:21 Хур. 2:3-10

+ 7:24 Хур. 2:11-12

+ 7:28 Хур. 2:13-14

+ 7:29 Хур. 2:15, Хур. 2:22, Хур. 18:3-5

+ 7:30 Хур. 3:2

+ 7:32 Хур. 3:6

+ 7:33 Еҳ. 5:15

+ 7:34 Хур. 3:5, Хур. 3:8-10

+ 7:35 Хур. 2:14

+ 7:36 Хур. 14:27-31, Так. Шар. 1:3, Так. Шар. 8:2

+ 7:37 Так. Шар. 18:15, Аъм. 3:22

+ 7:38 Хур. 19:3, Так. Шар. 5:27

+ 7:39 Хур. 16:3, Ад. 11:4-6

+ 7:40 Хур. 32:1, Хур. 32:23

+ 7:41 Хур. 32:4-6, Иш. 2:8

+ 7:42 Так. Шар. 4:19, Заб. 80:13

+ 7:43 3 Подш. 11:5-7, 4 Подш. 23:13, Ом. 5:25-27

+ 7:44 Хур. 38:21, Ваҳй 15:5, Хур. 25:40

+ 7:45 Еҳ. 3:14-17, Еҳ. 3:10

+ 7:46 Заб. 88:20-21, 2 Подш. 7:1-2, 3 Подш. 8:17

+ 7:47 3 Подш. 6

+ 7:48 3 Подш. 8:27, Аъм. 17:24

+ 7:50 Иш. 66:1-2

+ 7:51 Хур. 32:9, Так. Шар. 10:16, Так. Шар. 10:16, Ирм. 4:4, Ирм. 9:26, Иш. 63:10, Мал. 3:6

+ 7:52 3 Подш. 18:4, 2 Вак. 24:21, Ирм. 2:30, Мат. 23:37

+ 7:53 Так. Шар. 33:2, Ғал. 3:19, Ибр. 2:2

+ 7:54 Аъм. 5:33

+ 7:55 Хур. 24:16, Иш. 6:1, Заб. 109:1, Марқ. 16:19

+ 7:56 Марқ. 1:10, Заб. 109:1, Дон. 7:13, Марқ. 16:19, Аъм. 7:56, Ибр. 1:3

+ 7:58 Иб. 24:14-16, Ад. 15:35-36, 3 Подш. 21:13, Аъм. 8:1, Аъм. 22:20

+ 7:59 Заб. 30:6, Луқ. 23:46

+ 7:60 Луқ. 22:41, Луқ. 23:34

+ 8:1 Аъм. 22:20, Юҳ. 16:2, Мат. 10:23

+ 8:3 Ғал. 1:13, 1 Қӯр. 15:9, Фпл. 3:6

+ 8:4 Марқ. 4:14, Аъм. 11:19

+ 8:5 Аъм. 6:5, Аъм. 21:8

+ 8:7 Луқ. 4:35, Марқ. 16:17-18

+ 8:13 Мат. 28:19, Аъм. 16:33, Аъм. 18:8

+ 8:14 Аъм. 1:8

+ 8:15 Аъм. 2:38

+ 8:16 Мат. 28:19, Аъм. 19:5, Аъм. 10:44, Аъм. 11:15

+ 8:17 Аъм. 9:17, Аъм. 19:6

+ 8:22 Дон. 4:24, 2 Тим. 2:25

+ 8:24 Хур. 8:8

+ 8:25 Юҳ. 4:39

+ 8:26 Аъм. 5:19, Аъм. 10:4, Аъм. 11:13, Аъм. 12:7, Аъм. 27:23

+ 8:27 Ирм. 38:7

+ 8:29 Аъм. 10:19

+ 8:31 Рум. 10:14

+ 8:33 Иш. 53:7-8

+ 8:35 Луқ. 24:27

+ 8:39 4 Подш. 2:16, Ҳиз. 3:12, Ҳиз. 8:3

+ 8:40 Еҳ. 13:3

+ 9:1 Аъм. 8:3, Юҳ. 16:2

+ 9:3 Аъм. 22:6-11, Аъм. 26:12-18

+ 9:7 Дон. 10:7

+ 9:10 Аъм. 22:12, Ҳас. 22:1

+ 9:11 Аъм. 21:39, Аъм. 22:3

+ 9:15 Рум. 1:5, Ғал. 1:15-16, 1 Тим. 2:7, Ирм. 1:4-5

+ 9:16 Аъм. 20:23, 1 Тас. 3:3

+ 9:17 Аъм. 8:17, Аъм. 19:6

+ 9:19 Ғал. 1:17

+ 9:21 Ғал. 1:13, Ғал. 1:23

+ 9:22 1 Тим. 1:12, Аъм. 18:28

+ 9:23 Аъм. 20:3, Аъм. 23:30

+ 9:25 Еҳ. 2:15, 1 Подш. 19:12, 2 Қӯр. 11:32

+ 9:27 Аъм. 4:36, Аъм. 13:2, Аъм. 15:36, Ғал. 2:9, 1 Қӯр. 9:6, Ғал. 1:18-19

+ 9:29 Аъм. 6:1

+ 9:30 Аъм. 11:25

+ 9:34 Аъм. 3:6

+ 9:36 Еҳ. 19:46, Юҳ. 13:14, 1 Тим. 2:10, 1 Тим. 5:10

+ 9:40 Мат. 9:25, Аъм. 28:8, Яъқ. 5:16

+ 9:41 Марқ. 1:31, Марқ. 5:41, Марқ. 9:27, Аъм. 3:7

+ 10:2 Мат. 8:10, Луқ. 7:4-5

+ 10:3 Аъм. 3:1

+ 10:4 Аъм. 8:26, Ваҳй 8:4

+ 10:6 Аъм. 9:43

+ 10:9 Аъм. 11:5-14

+ 10:14 Иб. 11:2, Так. Шар. 14:3, Ҳиз. 4:14

+ 10:15 Марқ. 7:15-16, Рум. 14:14, 1 Тим. 4:4, Тит. 1:15

+ 10:19 Аъм. 8:29

+ 10:22 Луқ. 7:4-5

+ 10:25 Дон. 2:46, Аъм. 16:29

+ 10:26 Ваҳй 19:10, Ваҳй 22:8-9

+ 10:28 Юҳ. 4:9, Юҳ. 18:28

+ 10:34 Так. Шар. 10:17, Рум. 2:11, Рум. 10:12

+ 10:35 Иш. 64:5, Рум. 10:12

+ 10:36 Иш. 52:7

+ 10:37 Марқ. 1:14

+ 10:38 Мат. 3:16, Юҳ. 1:32-33, Мат. 4:24, Луқ. 13:16

+ 10:42 Юҳ. 5:22, Аъм. 17:31, 1 Пет. 4:5, 2 Тим. 4:1

+ 10:43 Луқ. 24:27, Рум. 3:21

+ 10:46 Марқ. 16:17, 1 Қӯр. 12:10

+ 10:47 Аъм. 2:4

+ 10:48 Аъм. 2:38

+ 11:2 Аъм. 15:1, Ғал. 2:12

+ 11:3 Луқ. 15:2, Ғал. 2:12

+ 11:5 Аъм. 10:9-32

+ 11:9 Марқ. 7:19, Аъм. 10:15

+ 11:12 Аъм. 15:9

+ 11:13 Аъм. 8:26

+ 11:15 Аъм. 10:44

+ 11:16 Аъм. 1:5

+ 11:17 Аъм. 2:38

+ 11:19 Аъм. 8:1

+ 11:22 Аъм. 4:36, Аъм. 9:27, Аъм. 13:1

+ 11:24 Аъм. 6:5

+ 11:25 Аъм. 9:30

+ 11:27 Аъм. 13:1, Аъм. 15:32

+ 11:28 Аъм. 21:10, Мат. 24:7, Аъм. 18:2

+ 12:2 Луқ. 5:10, Марқ. 10:39

+ 12:3 Хур. 12:15

+ 12:4 Луқ. 22:33

+ 12:5 2 Қӯр. 1:11, Эфс. 6:18

+ 12:7 Аъм. 8:26, Аъм. 16:26

+ 12:10 Аъм. 5:19, Аъм. 16:26

+ 12:11 Заб. 33:7, Заб. 90:11, 2 Қӯр. 1:10

+ 12:12 Аъм. 13:5, Аъм. 15:37, 1 Пет. 5:13, Қӯл. 4:10, 2 Тим. 4:11, Филем. 1:23

+ 12:15 Мат. 18:10-11, Ибр. 1:14

+ 12:17 Аъм. 15:13, Аъм. 21:18, Яъқ. 1:1, Ғал. 1:19, Ғал. 2:9

+ 12:23 Дон. 5:23, Ваҳй 16:9, 2 Подш. 24:16, 4 Подш. 19:35

+ 12:24 Аъм. 6:7, Аъм. 19:20

+ 12:25 Аъм. 11:29-30, Аъм. 12:12

+ 13:1 Аъм. 11:27, Аъм. 4:36, Аъм. 11:22, Луқ. 3:1

+ 13:2 Луқ. 2:37, Рум. 1:1, Ғал. 1:15

+ 13:5 Аъм. 12:12, Аъм. 15:37, Қӯл. 4:10

+ 13:6 Мат. 7:15

+ 13:9 Аъм. 4:8, Аъм. 6:10

+ 13:13 Аъм. 15:38

+ 13:15 Луқ. 8:41, Аъм. 18:8

+ 13:17 Хур. 1:7, Хур. 12:51

+ 13:18 Хур. 16:35, Заб. 94:10, Так. Шар. 9:7

+ 13:19 Так. Шар. 7:1, Еҳ. 14:1, Дов. 2:16, Дов. 3:9, 1 Подш. 12:11

+ 13:21 1 Подш. 8:5, 1 Подш. 9:1, 1 Подш. 10:1, 1 Подш. 13:1

+ 13:22 1 Подш. 15:23, 1 Подш. 13:14, Заб. 88:20-21, Иш. 44:28

+ 13:24 Луқ. 3:3

+ 13:25 Луқ. 3:16, Юҳ. 1:20, Юҳ. 1:27

+ 13:27 Аъм. 3:17, Луқ. 24:26-27

+ 13:28 Луқ. 23:23

+ 13:29 Луқ. 23:53

+ 13:30 Луқ. 24:6

+ 13:31 Аъм. 1:3, Луқ. 24:48

+ 13:32 Заб. 2:7, Ибр. 1:5, Ибр. 5:5

+ 13:34 Рум. 6:9, Иш. 55:3

+ 13:35 Заб. 15:10, Аъм. 2:27

+ 13:36 3 Подш. 2:10, Аъм. 2:29

+ 13:38 Мат. 1:21, 1 Юҳ. 2:12

+ 13:39 Рум. 3:20, Ғал. 2:16, Ғал. 3:11, Иш. 53:11, Рум. 3:28

+ 13:40 Ҳаб. 1:5

+ 13:43 Аъм. 2:11, Аъм. 6:5

+ 13:45 Аъм. 5:17

+ 13:46 Аъм. 4:30, Эфс. 6:19, Мат. 10:11, Мат. 22:8, Ваҳй 3:4, Марқ. 12:9, Аъм. 18:6

+ 13:47 Иш. 49:6, Аъм. 26:23

+ 13:50 1 Тас. 2:15

+ 13:51 Мат. 10:14, Марқ. 6:11, Луқ. 9:5

+ 13:52 Аъм. 2:4, Аъм. 4:31

+ 14:1 Аъм. 13:5

+ 14:3 Аъм. 4:30, Эфс. 6:19

+ 14:4 Мат. 10:34, Луқ. 12:51

+ 14:6 Мат. 10:23

+ 14:8 Аъм. 3:2

+ 14:9 Мат. 9:2

+ 14:10 Иш. 35:6, Аъм. 3:8

+ 14:11 Аъм. 28:6

+ 14:13 Дон. 2:46

+ 14:14 Ад. 14:6, Марқ. 14:63

+ 14:15 Хур. 20:11, 1 Тас. 1:9

+ 14:16 Мик. 4:5

+ 14:17 Иб. 26:4, Мат. 5:45, Заб. 103:15

+ 14:19 2 Қӯр. 11:25

+ 14:22 Қӯл. 1:23, Юх. 15:20, 1 Пет. 2:21, 1 Пет. 5:9, 1 Тас. 3:3, 2 Тим. 3:12

+ 14:23 Аъм. 13:2, Аъм. 20:32

+ 14:26 Аъм. 13:3

+ 15:1 Иб. 12:3

+ 15:2 Ғал. 5:2

+ 15:7 Аъм. 10:20

+ 15:8 3 Подш. 8:39, 1 Вақ. 28:9, 2 Вак. 6:30, Аъм. 1:24, Аъм. 10:44, Аъм. 10:47

+ 15:9 Аъм. 11:12, Заб. 50:12

+ 15:10 Ғал. 5:1

+ 15:11 Эфс. 2:8, Тит. 2:11, Тит. 3:7

+ 15:13 Аъм. 12:17, Яъқ. 1:1, Ғал. 1:19, Ғал. 2:9

+ 15:17 Ом. 9:11-12

+ 15:20 Дон. 1:8, 1 Қӯр. 8:1, 1 Қӯр. 10:19-20, Ваҳй 2:14, Иб. 3:17, Иб. 17:14, Так. Шар. 12:23-24

+ 15:22 1 Пет. 5:12, 2 Қӯр. 1:19, 2 Тас. 1:1

+ 15:24 Ғал. 1:7, Ғал. 5:10

+ 15:28 Аъм. 15:20

+ 15:32 Аъм. 11:27

+ 15:35 Аъм. 13:1

+ 15:37 Аъм. 12:12, Аъм. 13:5, Қӯл. 4:10

+ 15:38 Аъм. 13:13

+ 15:40 Аъм. 15:32

+ 16:1 Рум. 16:21, 1 Қӯр. 4:17, Фпл. 2:19, Қӯл. 1:1, 1 Тас. 3:2, 2 Тас. 1:1, 1 Тим. 1:2, 2 Тим. 1:2

+ 16:3 1 Қӯр. 9:20, Ғал. 2:3

+ 16:4 Аъм. 15:28-29

+ 16:5 Аъм. 6:7

+ 16:6 Аъм. 18:23

+ 16:7 Фпл. 1:19

+ 16:8 Аъм. 20:5, 2 Қӯр. 2:12, 2 Тим. 4:13

+ 16:12 Фпл. 1:1

+ 16:14 Луқ. 24:45

+ 16:15 Аъм. 11:14, Аъм. 16:33-34

+ 16:17 Дон. 3:26

+ 16:18 Марқ. 9:38

+ 16:21 Эзр. 4:13, Эст. 3:8

+ 16:22 2 Қӯр. 6:4-5, 2 Қӯр. 11:23-25

+ 16:24 Ирм. 20:2, Ирм. 29:26, 1 Тас. 2:2

+ 16:25 Заб. 41:9, Заб. 118:62

+ 16:26 Аъм. 4:31, Аъм. 5:19, Аъм. 12:7, Аъм. 12:10

+ 16:27 3 Подш. 20:39, Аъм. 12:19

+ 16:29 Дон. 2:46, Аъм. 10:25

+ 16:30 Луқ. 3:10, Аъм. 2:37

+ 16:31 Марқ. 16:16, Рум. 10:9

+ 16:33 Аъм. 11:14, Аъм. 16:15

+ 16:34 Юҳ. 4:53, Аъм. 18:8

+ 16:37 Аъм. 22:25

+ 16:39 Мат. 8:34

+ 16:40 Аъм. 16:14

+ 17:1 Фпл. 4:16

+ 17:2 Аъм. 13:5, Аъм. 14:1

+ 17:3 Луқ. 24:26-27

+ 17:5 1 Тас. 2:14-16

+ 17:7 Луқ. 23:2

+ 17:16 2 Пет. 2:8

+ 17:19 Марқ. 1:27

+ 17:24 Иш. 42:5, Мат. 11:25, 3 Подш. 8:27, Аъм. 7:48

+ 17:25 Заб. 49:8-12, Ҳас. 2:7, Айюб 33:4

+ 17:26 Ҳас. 3:20, Так. Шар. 32:8

+ 17:28 Ад. 16:22, Айюб 12:10

+ 17:29 Иш. 40:18-19, Иш. 46:5

+ 17:30 1 Пет. 1:14, Рум. 3:25-26, Эфс. 4:18

+ 17:31 Мат. 12:36, Юҳ. 5:22, Аъм. 10:42, 1 Пет. 4:5

+ 18:2 Рум. 16:3, 1 Қӯр. 16:19, 2 Тим. 4:19, Аъм. 11:28

+ 18:4 Аъм. 13:5

+ 18:5 1 Тас. 3:6

+ 18:6 Ҳиз. 18:13, Ҳиз. 33:4, Аъм. 13:46

+ 18:8 Луқ. 8:41, Аъм. 13:15, 1 Қӯр. 1:14, Юҳ. 4:53, Аъм. 16:34

+ 18:15 Аъм. 23:29

+ 18:18 Аъм. 18:2, Рум. 16:1, Ад. 6:5, Ад. 6:9

+ 18:19 Аъм. 19:1, Аъм. 20:16

+ 18:21 Яъқ. 4:15

+ 18:23 Аъм. 16:6

+ 18:24 Аъм. 19:1, 1 Қӯр. 1:12, 1 Қӯр. 3:5, 1 Қӯр. 4:6, 1 Қӯр. 16:12, Тит. 3:13

+ 18:25 Луқ. 3:3, Аъм. 19:3

+ 18:26 Аъм. 4:30, Эфс. 6:19

+ 18:27 1 Қӯр. 16:3, 2 Қӯр. 3:1

+ 18:28 Аъм. 9:22

+ 19:1 Аъм. 18:21

+ 19:3 Аъм. 18:25

+ 19:4 Луқ. 3:3, Юҳ. 1:7

+ 19:5 Мат. 28:19, Аъм. 8:16

+ 19:6 Аъм. 8:17, Аъм. 9:17, Аъм. 10:46

+ 19:8 Аъм. 4:30, Эфс. 6:19

+ 19:12 Аъм. 5:15

+ 19:13 Мат. 12:27, Марқ. 9:38, Луқ. 9:49

+ 19:15 Луқ. 4:34, Яъқ. 2:19

+ 19:18 Марқ. 1:5, Яъқ. 5:16

+ 19:20 Аъм. 6:7, Аъм. 12:24

+ 19:21 Рум. 15:26, 1 Қӯр. 16:5, Рум. 15:23-24

+ 19:22 Аъм. 16:1

+ 19:26 Иш. 44:10-20, Ирм. 10:3-6

+ 19:29 Аъм. 19:29, Қӯл. 4:10, Филем. 1:23

+ 20:1 Аъм. 19:21

+ 20:3 Аъм. 9:23, Аъм. 23:30

+ 20:4 Аъм. 19:29, Эфс. 6:21, Қӯл. 4:7, 2 Тим. 4:12, 2 Тим. 4:20, Тит. 3:12

+ 20:5 Аъм. 16:8

+ 20:6 Хур. 12:15, Аъм. 12:3

+ 20:7 1 Қӯр. 16:2, Ваҳй 1:10

+ 20:9 4 Подш. 1:2

+ 20:10 3 Подш. 17:21, 4 Подш. 4:34

+ 20:16 Хур. 23:16, Хур. 34:22, Иб. 23:15, Так. Шар. 16:9, Аъм. 2:1

+ 20:18 Аъм. 18:19, 1 Тас. 1:5

+ 20:23 Аъм. 9:16, Аъм. 21:33

+ 20:24 2 Тим. 4:7

+ 20:26 Так. Шар. 8:19

+ 20:28 Юҳ. 21:16-17, 1 Пет. 5:2, 1 Пет. 1:18-19

+ 20:29 Мат. 7:15, Юҳ. 10:12

+ 20:30 2 Пет. 2:1, 2 Қӯр. 11:13, 1 Тим. 4:1

+ 20:31 Марқ. 14:38

+ 20:32 Аъм. 14:23, 1 Пет. 1:4

+ 20:33 1 Подш. 12:3, 2 Қӯр. 7:2

+ 20:34 Аъм. 18:3

+ 20:35 Мат. 10:8

+ 20:36 Аъм. 21:5

+ 21:4 Аъм. 20:23

+ 21:5 Аъм. 20:36

+ 21:8 Аъм. 6:5, Аъм. 8:5

+ 21:9 4 Подш. 22:14, Луқ. 2:36, Аъм. 2:17-18

+ 21:10 Аъм. 11:28

+ 21:11 3 Подш. 11:30, Ирм. 27:2

+ 21:12 Мат. 16:21-23

+ 21:13 Аъм. 20:24, Фпл. 2:17

+ 21:18 Аъм. 12:17, Яъқ. 1:1

+ 21:20 Рум. 10:2

+ 21:21 Рум. 2:28-29, 1 Қӯр. 7:19

+ 21:23 Ад. 6:2-5, Ад. 6:13

+ 21:24 Аъм. 18:18

+ 21:25 Аъм. 15:29

+ 21:26 Ад. 6:9-12

+ 21:28 Аъм. 6:13, Ҳиз. 44:7

+ 21:29 Аъм. 20:4

+ 21:33 Аъм. 20:23, Аъм. 21:11

+ 21:34 Аъм. 19:32

+ 21:39 Аъм. 9:11, Аъм. 22:3

+ 22:3 Аъм. 9:11, Аъм. 21:39, Аъм. 5:34, Фпл. 3:6

+ 22:4 Аъм. 8:3

+ 22:5 Аъм. 9:1-2

+ 22:6 Аъм. 9:3-6, Аъм. 26:12-18

+ 22:12 Аъм. 9:17

+ 22:15 Аъм. 9:15

+ 22:16 Аъм. 9:18

+ 22:17 Аъм. 9:26

+ 22:20 Аъм. 7:58

+ 22:25 Аъм. 16:37

+ 23:1 1 Қӯр. 4:4, 2 Қӯр. 1:12, 2 Тим. 1:3, Ибр. 13:18

+ 23:2 Аъм. 24:1, 3 Подш. 12:24

+ 23:3 Так. Шар. 25:1-2

+ 23:4 Юҳ. 18:22

+ 23:5 Хур. 22:28

+ 23:6 Аъм. 4:1, Фпл. 3:5, 1 Қӯр. 15:13

+ 23:8 Мат. 22:23, Луқ. 20:27

+ 23:9 Юҳ. 12:29

+ 23:11 Аъм. 27:23

+ 23:24 Аъм. 24:3, Аъм. 25:14

+ 23:27 Аъм. 21:32-33, Аъм. 22:27

+ 23:28 Аъм. 22:30

+ 23:29 Аъм. 18:15

+ 23:30 Аъм. 9:23, Аъм. 20:3

+ 23:34 Аъм. 21:39

+ 24:1 Аъм. 23:2

+ 24:5 Луқ. 23:2

+ 24:6 Аъм. 21:27-29

+ 24:15 Дон. 12:2, Ваҳй 20:6, Ваҳй 20:13

+ 24:16 Аъм. 23:1, Ибр. 13:18

+ 24:17 Рум. 15:25-28, 1 Қӯр. 16:1, Ғал. 2:10

+ 24:18 Аъм. 21:26

+ 24:21 Аъм. 23:6

+ 24:25 Аъм. 17:32

+ 25:3 Аъм. 23:12

+ 25:10 Рум. 13:1

+ 25:12 Аъм. 23:11

+ 25:19 Аъм. 18:15, Аъм. 23:29

+ 25:24 Аъм. 22:22

+ 25:25 Луқ. 23:14, Аъм. 23:29

+ 26:1 Заб. 118:46, Мат. 10:18, Аъм. 9:15

+ 26:4 Ғал. 1:13

+ 26:5 Аъм. 23:6, Фпл. 3:5

+ 26:7 Мат. 19:28, Яъқ. 1:1

+ 26:8 1 Қӯр. 5:12

+ 26:9 Юҳ. 16:2, 1 Тим. 1:13

+ 26:10 Аъм. 8:3

+ 26:11 Аъм. 9:1

+ 26:12 Аъм. 9:3-6, Аъм. 22:6-11

+ 26:18 Иш. 35:5, Иш. 42:7, Ибр. 2:14-15

+ 26:20 Аъм. 9:20

+ 26:21 Аъм. 21:27, Аъм. 21:30

+ 26:23 1 Қӯр. 15:20, Қӯл. 1:18, Ваҳӣ 1:5, Иш. 42:6, Иш. 49:6, Аъм. 13:47

+ 26:29 Ácm. 21:33

+ 26:31 Ácm. 23:29

+ 26:32 Ácm. 25:12

+ 27:1 Ácm. 25:12

+ 27:2 Ácm. 19:29

+ 27:6 Ácm. 28:11

+ 27:14 Марқ. 4:37

+ 27:18 Юн. 1:5

+ 27:23 Ácm. 8:26

+ 27:24 Ácm. 23:11

+ 27:26 Ácm. 28:1

+ 27:34 1 Подш. 14:45, 2 Подш. 14:11, 3 Подш. 1:52, Луқ. 21:18

+ 27:35 Мат. 15:36

+ 27:43 Ácm. 27:3

+ 28:5 Заб. 90:13, Марқ. 16:18, Луқ. 10:19

+ 28:6 Ácm. 14:11

+ 28:8 Аъм. 9:40, Яъқ. 5:16

+ 28:11 Аъм. 27:6

+ 28:18 Аъм. 23:29, Аъм. 26:31-32

+ 28:23 Луқ. 24:27

+ 28:25 Мат. 15:7

+ 28:27 Иш. 6:9-10, Мат. 13:15, Марқ. 4:12, Юҳ. 12:40

+ 28:28 Иш. 40:5, Луқ. 3:6

+ 28:31 Аъм. 4:29, Эфс. 6:19

*НОМАИ*

# ҲАВВОРИИ МУҚАДДАС ЯЪҚУБ

1 2 3 4 5

## Имтиҳони имон.

1 [1] Яъқуб, ки бандаи Худо ва Исои Масеҳи Худованд аст, ба
дувоздаҳ сибте ки пароканда мебошанд, салом мерасонад+.
[2] Эй бародарони ман, вақте ки ба озмоишҳои гуногун дучор
мешавед, инро барои худ шодии бузург ҳисоб кунед,+
[3] Чун медонед, ки имтиҳони имони шумо сабрро ба вуҷуд
меоварад;+
[4] Ва сабр бояд амали комил дошта бошад, то ки шумо комил ва
солим буда, ҳеҷ камбудие надошта бошед+.
[5] Ва агар касе аз шумо аз ҳикмат камӣ дошта бошад, бигзор талаб
кунад аз Худое ки ба ҳама бо саховат ва бе сарзаниш ато менамояд, —
ва ба вай ато хоҳад шуд+.
[6] Валекин бигзор бо имон талаб кунад ва ҳеҷ шакку шубҳа
надошта бошад, чунки шакkок ба мавҷи баҳр монанд аст, ки аз
шамол баланд шуда, ҷавлон мекунад:+
[7] Бигзор чунин кас гумон накунад, ки аз Худованд чизе ба даст
хоҳад овард+.
[8] Шахси дудила дар ҳамаи роҳҳои худ ноустувор аст.
[9] Бигзор бародари залил бо сарбаландии худ фахр намояд,+
[10] Ва сарватдор — бо залолати худ, чунки ӯ мисли гули алаф
даргузар аст:
[11] Офтоб бо гармо тулӯъ намуда, алафро мехушконад, ва гули он
рехта, зебоии намуди он нест мешавад; сарватдор низ дар роҳҳои худ
ҳамин тавр пажмурда хоҳад шуд+.
[12] Хушо касе ки дар озмоиш вафодор мемонад, зеро вақте ки вай
имтиҳон медиҳад, тоҷи ҳаётро, ки Худованд ба дӯстдорони Худ
ваъда кардааст, ба даст хоҳад овард+.

## Озмоиш аз куҷо ба амал меояд.

[13] Дар озмоиш бигзор ҳеҷ кас набояд бигӯяд: «Маро Худо
меозмояд»; чунки Худо бо бадӣ озмуда намешавад ва Худаш ҳеҷ
касро намеозмояд,
[14] Балки ҳар кас саргарм ва фирефтаи ҳаваси худ гардида, ба
озмоиш дучор мешавад;

15 Баъд ҳавас, ҳомила шуда, гуноҳро ба дуньё меоварад, ва гуноҳ,
ки ба амал омад, мамотро ба вуҷуд меоварад+.
16 Эй бародарони маҳбуби ман, фирефта нашавед+.
17 Ҳар як инъоми нек ва ҳар як бахшоиши комил аз боло, аз
ҷониби Падари нурҳо нозил мешавад, ки дар Ӯ тағьироте ва ҳеҷ
дигаргуние мавҷуд нест+.
18 Ӯ, бар ҳасби хости Худ, моро ба василаи каломи ростӣ ба дуньё
овард, то ки як навъ навбари офаридаҳои Ӯ бошем+.

## Огоҳонидан аз худфиребӣ дар вақти шунидани Каломи Худо.

19 Пас, эй бародарони маҳбуби ман, бигзор ҳар кас дар шунидан
боштитоб, дар гуфтан оҳиста ва дар хашм оҳиста бошад;+
20 Зеро ки хашми одамизод адолати Худоро ба амал намеоварад.
21 Бинобар ин ҳар нопокӣ ва бақияи бадиро як сӯ гузошта,
каломеро, ки дар шумо кошта шудааст, бо фурӯтанӣ қабул кунед, ки
он метавонад ҷонҳои шуморо наҷот диҳад+.

## Хушо касе ки Каломи Худоро ба ҷо меоварад.

22 Пас иҷрокунандагони калом бошед, на фақат шунавандагоне ки
худро фиреб медиҳанд,+
23 Зеро, касе ки каломро мешунаваду иҷро намекунад, ба шахсе
монанд аст, ки тарҳи рӯяшро дар оина мебинад:
24 Ба чеҳраи худ нигоҳ карду рафт, ва дарҳол фаромӯш кард, ки он
чӣ гуна аст.
25 Аммо касе ки ба шариати комил, ба шариати озодӣ диққат
мекунад ва дар он устувор мемонад, дар ҳолате ки на шунавандаи
фаромӯшҳотир, балки иҷрокунандаи кор мебошад, — хушо он кас дар
амали ҳуд+.
26 Агар касе аз шумо гумон кунад, ки диндор аст, ва ҷилави забони
худро накашад, балки дили худро фирефта намояд, — диндории вай
бефоида аст+.
27 Дини пок ва беайб ба ҳузури Худо ва Падар ин аст, ки ятимон ва
бевазанонро дар андӯҳи онҳо парасторӣ кунем ва худро аз олам
олуда накарда нигоҳ дорем+.

## Сарватдорони имон — ворисони Малакути Худо.

**2** [1] Эй бародарони ман! Ба Исои Масеҳи Худованди мо, ки Худованди ҷалол аст, бе рӯйбинӣ имон дошта бошед+.

[2] Зеро, агар ба ҷамъомади шумо касе ангуштарини тилло дар даст ва либоси зебо дар тан биёяд, ва камбағале низ либоси чиркин дар тан биёяд,

[3] Ва шумо ба соҳиби либоси зебо нигоҳ карда, гӯед: «Шумо марҳамат фармуда ин ҷо бинишинед», ва ба камбағал гӯед: «Ту он ҷо биист» ё ки: «Ин ҷо, поини пои ман бинишин», —

[4] Оё шумо миёни худатон фарқ нагузоштаед ва оё доварони соҳиби афкори бад нестед?

[5] Гӯш диҳед, эй бародарони маҳбуби ман: оё Худо камбағалони оламро интихоб накардааст, ки сарватдор дар имон ва ворисони Малакуте бошанд, ки онро Ӯ ба дӯстдорони Худ ваъда кардааст+?

[6] Валекин шумо аз камбағал нафрат кардаед. Оё сарватдорон шуморо ба танг намеоваранд, ва оё онҳо шуморо ба маҳкамаҳо намекашанд?

[7] Оё онҳо номи некеро, ки бар шумост, беобрӯ намекунанд?

[8] Агар шумо шариати шоҳонаро, бар тибқи Навиштаи: «Ёри ҳудро мисли худ дӯст бидор» ба ҷо меоварда бошед, хуб мекунед;+

[9] Аммо агар рӯйбинӣ мекарда бошед, гуноҳ мекунед, ва шариат шуморо вайронкунанда ҳисоб мекунад+.

[10] Касе ки тамоми шариатро риоя намуда, валекин дар як чиз гуноҳ кунад, нисбат ба ҳама чиз айбдор мешавад+.

[11] Зеро Он ки «зино накун» гуфтааст, «қатл накун» ҳам гуфтааст; бинобар ин, агар ту зино накунӣ, вале қатл кунӣ, — ба шариат хато кардаӣ+.

[12] Ҳамчун касоне ки бар тибқи шариати озодӣ доварӣ карда хоҳанд шуд, чунин сухан гӯед ва чунин амал кунед,+

[13] Зеро бар касе ки эҳсон накардааст, доварӣ бе марҳамат хоҳад буд; марҳамат бар доварӣ ғалаба меёбад+.

## Имони ҳақиқӣ наметавонад бе аъмол бошад.

[14] Эй бародарони ман, чӣ фоидае ҳаст, агар касе гӯяд, ки имон дорад, дар сурате ки амал надорад? Оё чунин имон метавонад ӯро

наҷот диҳад?
15 Агар бародаре ё хоҳаре бараҳна буда, ризқу рӯзӣ надошта бошанд,
16 Ва касе аз шумо ба онҳо гӯяд: «Ба саломатӣ рафта, гарм ва сер шавед», валекин он чи барои ҷисм лозим аст, ба онҳо надиҳад, — чи фоидае ҳаст+?
17 Ҳамчунин имон низ, агар аъмол надошта бошад, ба ҳудии худ мурда аст.
18 Балки касе хоҳад гуфт: «Ту имон дорӣ, вале ман аъмол дорам, — имони худро бе аъмол ба ман нишон бидеҳ, вале ман ба ту имони ҳудро аз аъмоли худ нишон медиҳам»+.
19 Ту имон дорӣ, ки Худо ягона аст? Хуб мекунӣ; девҳо низ имон доранд ва меларзанд+.
20 Аммо, эй одами бемағз, оё мехоҳӣ бидонӣ, ки имон бе аъмол мурда аст?

## Имон ба воситаи аъмол ба камол мерасад.

21 Оё падари мо Иброҳим, ки писари худ Исҳоқро ба қурбонгоҳ баровада буд, бо аъмоли ҳуд сафед нашуд+?
22 Оё ту мебинӣ, ки имон ба аъмоли ӯ мадад кард, ва имони ӯ ба василаи аъмол ба камол расид+?
23 Ва он Навишта иҷро шуд, ки мегӯяд: «Иброҳим ба Худо имон оврд, ва ин барои ӯ адолат ҳисоб карда шуд, ва ӯ дӯсти Худо номида шуд»+.
24 Оё мебинед, ки одамизод ба василаи аъмол сафед мешавад, на фақат ба василаи имон?
25 Ба ҳамин тарз Роҳоби фоҳиша низ, ки ҷосусонро қабул карда, бо роҳи дигаре фиристода буд, оё ба василаи аъмол сафед нашуд+?
26 Зеро, чунон ки ҷисм бе рӯҳ мурда аст, ончунон имон низ бе аъмол мурда аст.

## Огоҳонидан аз гуноҳҳои забон.

3 [1] Эй бародарони ман! Бисьёре аз шумо муаллим нашавед, чун
медонед, ки мо ба маҳкумияти бештаре дучор хоҳем шуд,+
[2] Зеро ки ҳамаи мо бисьёр пешпо мехӯрем. Касе ки дар суҳан
пешпо намеҳӯрад, вай одами комил аст, ки метавонад ҷилави
тамоми ҷисмро бикашад+.
[3] Инак, мо ба даҳони аспҳо лаҷом меандозем, то ки ба мо итоат
кунанд, ва тамоми ҷисми онҳоро идора мекунем;+
[4] Инак, киштиҳо низ, ҳарчанд бузург бошанд ва ҳарчанд бо бодҳои
пурзӯр ронда шаванд ҳам, ба воситаи сукკони хурде, ба куҷое ки
сукkондор ҳоҳад, равона карда мешаванд;
[5] Ҳамчунин забон низ узви хурд аст, вале бисьёр лоф мезанад.
Бубин, оташи ҳурде чӣ гуна ҷангали бузургро месӯзонад.
[6] Забон низ оташ аст, шарорате дар миёни узвҳои мо мебошад.
Тамоми ҷисмро палид мекунад ва доираи ҳаётро оташ медиҳад, дар
сурате ки худаш аз ҷаҳаннам оташ мегирад+.
[7] Зеро ки ҳама гуна даррандагон ва паррандагон, хазандагон ва
ҳайвоноти баҳрӣ ба воситаи одамизод ром мешавад ва ром шудааст,
[8] Валекин забонро ҳеҷ кас аз одамон ром карда наметавонад: он —
шароратест боздоштанашаванда ва пур аз заҳри марговар+.
[9] Бо он мо Худо ва Падарро муборак мехонем, ва бо он мо ба
одамон, ки ба сурати Худо офарида шудаанд, лаънат мегӯем:+
[10] Аз айни як даҳон баракат ва лаънат мебарояд. Эй бародарони
ман, набояд ин тавр шавад.
[11] Оё аз як сӯрохи чашма ҳам оби ширин ва ҳам оби талх ҷорӣ
мешавад?
[12] Эй бародарони ман, дарахти анҷир наметавонад зайтун оварад,
ё токи ангур — анҷир: ҳамчунин як чашма наметавонад оби шӯр ва
ширин ба вуҷуд оварад.

## Ҳикмати ҳақиқӣ ба воситаи рафтор исбот меёбад.

[13] Оё касе аз шумо ҳаким ва бохирад аст? Бигзор инро дар рафтори
неки худ бо фурӯтании хирадмандона дар амал нишон диҳад+.
[14] Аммо агар шумо дар дили худ ҳасади талҳ ва худсарӣ доред,
фахр накунед ва дар ҳаққи ростӣ дурӯғ нагӯед:

15 Ин ҳикмате нест, ки аз боло нозил шуда бошад, балки ҳикмати
заминӣ, нафсонӣ ва шайтонӣ мебошад;+
16 Зеро ҳар ҷое ки ҳасад ва худсарӣ бошад, он ҷо носозӣ ва ҳар
кори бад ҳувайдост.
17 Валекин ҳикмате ки аз болост, аввалан, пок аст, сонӣ осоишта,
боилтифот, фармонбардор, пур аз марҳамат ва самараи нек, беғараз
ва бериё мебошад.
18 Ва самараи адолат дар осоиштагӣ кошта мешавад барои онҳое
ки осоиштагиро ба амал меоваранд+.

## Дӯстӣ бо дуньё душманӣ бо Худост.

4 [1] Адоват ва ҷидолҳо дар миёни шумо аз куҷост? Оё на аз
ҳавасҳои шумост, ки дар андоматон меҷанганд+?
[2] Ҳавас мекунед — ва надоред; мекушед ва ҳасад мебаред — ва
наметавонед ба даст оваред; муноқиша ва адоват мекунед — ва
надоред, чунки илтимос намекунед;
[3] Илтимос мекунед ва ба даст намеоваред, чунки на аз баҳри
қасди нек илтимос мекунед, балки аз баҳри он ки барои ҳавасҳои худ
истифода намоед+.
[4] Эй зинокорон! Оё намедонед, ки дӯстӣ бо дуньё душманӣ бо
Худост? Пас, касе ки мехоҳад дӯсти дуньё бошад, душмани Худо
мегардад+.
[5] Оё шумо гумон мекунед, ки Навишта бар абас гуфтааст: «Рӯҳеро,
ки дар мо сокин аст, то ба дараҷаи рашк дӯст медорад»+?
[6] Лекин файзи бештаре мебахшад; барои ҳамин ҳам гуфта
шудааст: «Худо ба мағрурон муқобилат мекунад, вале ба фурӯтанон
файз мебахшад»+.
[7] Пас, ба Худо итоат намоед, ба иблис муқобилат кунед, ва ӯ аз
шумо хоҳад гурехт+.
[8] Ба Худо наздик шавед, ва Ӯ ба шумо наздик хоҳад шуд. Дастҳои
худро бишӯед, эй гуноҳкорон, ва дилҳои худро пок кунед, эй
дудилагон+.
[9] Андӯҳгин шуда, гирья ва нола кунед. Бигзор хандаи шумо ба
гирья ва шодии шумо ба ғусса мубаддал шавад.
[10] Дар хузури Худованд фурӯтан бошед, ва Ӯ шуморо сарафроз
хоҳад кард+.
[11] Эй бародарон, дар ҳаққи якдигар бадгӯӣ накунед. Касе ки
бародарашро бадгӯӣ кунад, ё бародарашро ҳукм намояд, вай
шариатро бадгӯӣ мекунад ва шариатро ҳукм менамояд. Ва агар ту
шариатро ҳукм намоӣ, пас иҷрокунандаи шариат нестӣ, балки довар
ҳастӣ+.
[12] Шариатгузор ва Довар якест, ва Ӯ қодир аст наҷот диҳад ва
талаф кунад. Вале ту кистӣ, ки дигареро ҳукм менамоӣ+?

## Ба муқобили нақшаҳое ки дилхоҳи Худо нест.

13 Акнун гӯш кунед шумо, эй касоне ки мегӯед: «Имрӯз ё фардо ба
фалон шаҳр рафта, дар он ҷо як сол зиндагонӣ мегузаронем, ва бо
тиҷорат машғул шуда, фоида мекунем»,
14 Дар сурате ки шумо намедонед, ки фардо чӣ ҳодиса рӯй хоҳад
дод: зеро ки чист зиндагонии шумо? Буғест, ки ба муддати кӯтоҳе
зоҳир гардида, баъд нест мешавад+.
15 Ба ҷои он шумо бояд бигӯед: «Агар Худо хоҳад, мо зинда
мемонем ва чунин ё чунон мекунем»+.
16 Лекин акнун шумо, ба сабаби ҳавобаландии худ, лоф мезанед:
ҳар лофи монанди ин бад аст.
17 Пас, касе ки медонад, чӣ некӣ бояд кард, ва намекунад, — ба вай
гуноҳ аст+.

## Огоҳонидани сарватдорон.

5 [1] Гӯш кунед шумо, эй сарватдорон: дар бораи балоҳое ки ба
сари шумо меояд, гирья ва нола кунед+.
[2] Сарвати шумо пӯсидааст, ва либоси шуморо куя задааст+.
[3] Тилло ва нуқраи шуморо занг задааст, ва занги онҳо исботе ба
муқобили шумо гардида, мисли оташ ҷисми шуморо хоҳад хӯрд:
шумо барои айёми охирини худ ганҷ ҷамъ кардаед+.
[4] Инак, музди коргароне ки саҳроҳои шуморо даравидаанд, ва
шумо онро надода нигоҳ доштаед, фиғон мекашад, ва доду фарьёди
даравгарон ба гӯши Худованди лашкарҳо расидааст+.
[5] Шумо дар рӯи замин бо ҳашамат ва дабдаба умр ба сар бурда,
айшу ишрат менамудед, ва дилҳои худро гӯё ки барои рӯзи қатл
фарбеҳ кардед+.
[6] Шумо одилро маҳкум намуда, куштед; ӯ ба шумо муқобилат
накард.

## Омадани Худованд наздик аст.

[7] Пас, эй бародарон, то вақти омадани Худованд пурсабр бошед.
Инак, зироаткор самараи гаронбаҳои заминро интизор мешавад ва
барои ин бисьёр сабр мекунад, то даме ки борони аввалин ва охирин
биборад+.
[8] Шумо низ сабр кунед, дилҳои худро қавӣ гардонед, чунки
омадани Худованд наздик аст+.
[9] Эй бародарон, аз якдигар шиква накунед, то ки маҳкум нагардед:
инак, Довар назди дар истодааст+.
[10] Эй бародарон, аз уқубат ва пурсабрии анбиё ибрат гиред, ки
онҳо ба исми Худованд сухан меронданд+.
[11] Инак, мо онҳоеро, ки сабр кардаанд, хушбахт мешуморем: шумо
дар бораи сабри Айюб шунидаед ва анҷоми кори Худовандро дидаед,
зеро ки Худованд раҳмон ва бахшанда аст+.

## Дар бораи қасам.

[12] Вале пеш аз ҳама, эй бародарони ман, на ба осмон қасам ёд
кунед, на ба замин, на ба ягон қасами дигаре; балки бигзор дар шумо
«оре, оре» ва «не, не» бошад, то ки ба маҳкумият дучор нашавед+.

## Дуо гӯед: дуои боисрори шахси одил қуввати бузурге дорад.

[13] Оё касе аз шумо уқубат мекашад? Бигзор дуо гӯяд. Оё касе
шодмон аст? Бигзор таронаи Забурро хонад+.
[14] Оё касе аз шумо бемор аст? Бигзор пирони калисоро назди худ
даъват намояд, ва онҳо ӯро ба исми Худованд равған молида, дар
ҳаққи ӯ дуо гӯянд, —+
[15] Ва дуои имон беморро шифо хоҳад дод, ва Худованд ӯро ба по
хоҳад хезонд; ва агар ӯ гуноҳ карда бошад, гуноҳҳояш омурзида
хоҳад шуд+.
[16] Ба гуноҳҳои худ назди якдигар иқрор намоед ва барои якдигар
дуо гӯед, то шифо ёбед: дуои боисрори шаҳси одил қуввати бузурге
дорад+.
[17] Ильёс шаҳсе буд монанди мо, ва дуо гуфт, ки борон наборад, ва
се солу шаш моҳ дар рӯи замин борон набуд+.
[18] Ва боз дуо гуфт, ва осмон борон дод, ва замин самараи худро ба
вуҷуд овард+.

## Дар бораи муҳаббат нисбат ба бародарони гумроҳ.

[19] Эй бародарон! Агар касе аз шумо аз ростӣ сар печад, ва касе ӯро
баргардонад,+
[20] Бигзор вай бидонад, ки шаҳсе ки гуноҳкорро аз роҳи ғалати вай
гардонад, ҷони вайро аз мамот наҷот дода, гуноҳҳои зиёдро рӯпӯш
хоҳад кард+.

---

+ 1:1 Мат. 13:55, Аъм. 12:17, Аъм. 15:13, Аъм. 21:18, Ғал. 1:19, Ғал. 2:9, Луқ. 22:30, Юҳ. 7:35, Аъм. 26:7, 1 Пет. 1:1

+ 1:2 Мат. 5:11-12, 1 Пет. 1:6-7

+ 1:3 Рум. 5:3

+ 1:4 2 Пет. 1:6, Мат. 5:48

+ 1:5 3 Подш. 3:9-12, Мас. 2:3-6

+ 1:6 Мат. 21:21, Марқ. 11:24

+ 1:7 Яъқ. 4:8

+ 1:9 Ирм. 9:23-24, 1 Қўр. 1:31, 2 Қўр. 10:17

+ 1:11 Иш. 40:7, 1 Пет. 1:24

+ 1:12 Мат. 10:22, Марқ. 13:13, Яъқ. 5:11, 2 Тим. 4:8, Ваҳй 2:10

+ 1:15 Айюб 15:35, Заб. 7:15, Иш. 59:4, Рум. 5:12, Рум. 6:23

+ 1:16 Марқ. 13:5, 1 Юҳ. 3:7, Қўл. 2:8, 2 Тас. 2:3

+ 1:17 Ҳас. 1:16, Мал. 3:6, 1 Юҳ. 1:5

+ 1:18 Ирм. 2:3, 2 Тас. 2:13, Ваҳй 14:4, Юҳ. 1:13

+ 1:19 Мас. 10:19, Мас. 14:29, Воиз 7:9

+ 1:21 Қўл. 3:8

+ 1:22 Луқ. 11:28, Юҳ. 13:17, 1 Юҳ. 3:18, Рум. 2:13

+ 1:25 Яъқ. 2:12, Луқ. 11:28

+ 1:26 Заб. 38:2, Яъқ. 3:2-3

+ 1:27 Айюб 31:17-18, Иш. 1:17, Мат. 25:36, 2 Пет. 3:14, 1 Юҳ. 5:18, 1 Тим. 5:22

+ 2:1 Так. Шар. 1:17, Так. Шар. 16:19, Мат. 22:16, Луқ. 20:21, Рум. 2:11

+ 2:5 1 Қӯр. 1:27-28, 2 Қӯр. 8:9, Ваҳй 2:9

+ 2:8 Иб. 19:18

+ 2:9 Хур. 23:2-3, Иб. 19:15, Так. Шар. 1:17

+ 2:10 Мат. 5:19, Ғал. 3:10

+ 2:11 Хур. 20:13-14

+ 2:12 Яъқ. 1:25

+ 2:13 Мат. 6:15, Мат. 18:35, Луқ. 6:37

+ 2:16 Так. Шар. 15:7, Мас. 21:13, Иш. 58:7, Мат. 25:35, Луқ. 3:11, 1 Юҳ. 3:17-18

+ 2:18 Мат. 7:16, Ғал. 5:6

+ 2:19 Так. Шар. 6:4, Мат. 8:29, Марқ. 1:24, Марқ. 5:7, Аъм. 16:17, Аъм. 19:15

+ 2:21 Ҳас. 22

+ 2:22 Ибр. 11:17-18

+ 2:23 Ҳас. 15:6, Рум. 4:3, Ғал. 3:6, 2 Вак. 20:7, Иш. 41:8

+ 2:25 Еҳ. 2:1, Еҳ. 2:16, Еҳ. 6:24

+ 3:1 Мат. 23:8

+ 3:2 3 Подш. 8:46, 2 Вак. 6:36, Мас. 20:9, Воиз 7:20, 1 Юҳ. 1:8-10, Рум. 3:23, Заб. 38:2, Яъқ. 1:26

+ 3:3 Заб. 31:9, Мас. 26:3

+ 3:6 Мат. 12:34, Мат. 15:18, Мас. 16:27

+ 3:8 Заб. 119:2, Заб. 139:4

+ 3:9 Ҳас. 1:26

+ 3:13 Яъқ. 2:18

+ 3:15 1 Тим. 4:1, Ваҳй 2:24

+ 3:18 Мат. 5:9, Ғал. 6:8

+ 4:1 1 Пет. 2:11

+ 4:3 Мас. 10:3

+ 4:4 Ирм. 3:8, Ирм. 31:22, Ҳиз. 16:32, Ҳуш. 5:7, Юҳ. 15:19, 1 Юҳ. 2:15, Рум. 8:7

+ 4:5 1 Қӯр. 6:19

+ 4:6 Мас. 3:34, 1 Пет. 5:5

+ 4:7 1 Пет. 5:8-9, Эфс. 4:27

+ 4:8 2 Вак. 15:2, Заб. 72:28, Яък. 1:7-8, Заб. 50:4, Иш. 1:16, Ирм. 4:14

+ 4:10 Иш. 57:15

+ 4:11 Рум. 14:4, Рум. 14:10

+ 4:12 Яък. 5:9, Луқ. 12:5, Мат. 7:1

+ 4:14 Мас. 27:1, Луқ. 12:18-20, Заб. 101:4

+ 4:15 Аъм. 18:21

+ 4:17 Юҳ. 9:41

+ 5:1 Ом. 6:1, Луқ. 6:24

+ 5:2 Айюб 13:28, Иш. 50:9, Мат. 6:19-20

+ 5:3 Рум. 2:5

+ 5:4 Иб. 19:13, Так. Шар. 24:14-15, Так. Шар. 24:15, Иш. 5:9

+ 5:5 Ирм. 12:3

+ 5:7 Так. Шар. 11:14

+ 5:8 1 Пет. 4:7

+ 5:9 Мат. 7:1, Яък. 4:12

+ 5:10 Мат. 5:12, Мат. 23:34, Аъм. 7:52, Ибр. 11:32-38

+ 5:11 Мат. 10:22, Марқ. 13:13, Яъқ. 1:12, Ваҳй 2:10, Айюб 1:21-22, Айюб 2:10, Айюб 42:10, Хур. 34:6

+ 5:12 Мат. 5:34-37

+ 5:13 1 Қӯр. 14:15, Эфс. 5:19

+ 5:14 Марқ. 6:13

+ 5:15 Айюб 22:30

+ 5:16 Марқ. 1:5, Аъм. 19:18, Ҳас. 20:17, Ад. 11:2, 3 Подш. 13:6, 4 Подш. 4:33-34, Айюб 42:8, Аъм. 9:40, Аъм. 28:8

+ 5:17 3 Подш. 17:1, 3 Подш. 18:1, Луқ. 4:25

+ 5:18 3 Подш. 18:42-45

+ 5:19 Ғал. 6:1

+ 5:20 Мас. 10:12, 1 Пет. 4:8

*НОМАИ ЯКУМИ*

# ҲАВВОРИИ МУҚАДДАС ПЕТРУС

1 2 3 4 5

## Уқубати масеҳиён имонро мустаҳкам мекунад ва сӯи наҷот мебарад.

# 1

1 Петрус, ки ҳаввории Исои Масеҳ аст, ба ғарибоне ки дар
вилоятҳои Понтус, Ғалотия, Каппадукия, Осиё ва Битуния
пароканда мебошанд,+
2 Ва мувофиқи таъиноти пешакии Худои Падар, бо тақдиси Рӯҳ,
барои итоат ва пошидани Хуни Исои Масеҳ интиҳоб шудаанд: файз
ва осоиштагӣ бар шумо фаровон бод+.

## Дар бораи умеди пур аз ҷалоли имондорон.

3 Муборак аст Худо ва Падари Худованди мо Исои Масеҳ, ки бо
марҳамати бузурги Худ, ба василаи эҳьёи Исои Масеҳ аз мурдагон,
моро аз нав ба вуҷуд овард барои умеди зинда,+
4 Барои мероси бефано, пок ва пажмурданашаванда, ки дар осмон
барои шумо маҳфуз аст,+
5 Ки бо қуввати Худо ба воситаи имон нигоҳ дошта мешавед барои
наҷоте ки муҳайё шудааст, то ки дар замони охир ба зуҳур ояд+.
6 Дар ин бора шодӣ кунед, дар сурате ки ҳоло, агар лозим шавад,
аз озмоишҳои гуногун андаке андӯҳгин мешавед+.
7 Имони шумо аз тилло, ки бо вуҷуди озмуда шуданаш дар оташ
ҳам фонӣ мебошад, гаронбаҳотар аст. Ин имон аз имтиҳон мегузарад
ва барои ҳамд ва шавкат ва ҷалол дар вақти зуҳури Исои Масеҳ холис
ба миён меояд+.
8 Шумо Ӯро надида дӯст медоред, ва агарчи Ӯро ҳанӯз надидаед,
ба Ӯ имон меоваред ва бо шодмонии молокалом ва пур аз ҷалол
шодӣ мекунед+
9 Ва ба мақсади имони худ, яъне ба наҷоти ҷонҳотон ноил
мешавед.
10 Тафтишот ва тадқиқоти анбиё ба ҳамин наҷот тааллуқ дошт, ва
онҳо файзеро, ки барои шумо таъин шуда буд, пешгӯӣ кардаанд+.
11 Онҳо тадқиқ намудаанд, ки кадом ва чӣ гуна замонро Рӯҳи
Масеҳе ки андаруни онҳо буд, нишон додааст, вақте ки Он аз
уқубатҳои Масеҳ ва аз ҷалоле ки баъд аз он фаро хоҳад расид, пешакӣ
хабар медод+.

12 Ба онҳо ошкор шуда буд, ки на ба худашон, балки ба мо хизмат
кардаанд дар хусуси он чи ҳоло ба шумо мавъиза шудааст ба воситаи
онҳое ки бо Рӯҳулқудси аз осмон фиристодашуда ба шумо башорат
додаанд, яъне он чи, ки фариштагон мехоҳанд андарунаш назар
андозанд+.

## Тақдиси имондорон ба воситаи хуни қурбонии Масеҳ.

13 Бинобар ин, камари ақли худро маҳкам баста ва ҳушьёр шуда,
ба файзе ки дар вақти зуҳури Исои Масеҳ ба шумо ато хоҳад шуд,
комилан умедвор бошед+.
14 Ҳамчун бачагони фармонбардор, ба ҳавасҳои пештарае ки дар
вақти нодонии худ доштед, мувофиқат накунед,+
15 Балки, чунон ки Даъваткунандаи шумо муқаддас аст, худатон
низ дар тамоми рафторатон муқаддас бошед,+
16 Зеро ки навишта шудааст: «Муқаддас бошед, чунки Ман
муқаддас ҳастам»+.
17 Ва агар шумо Ӯро Падар мехонед, ки бе рӯйбинӣ ҳар касро аз
рӯи аъмолаш доварӣ мекунад, пас замони ғурбати худро бо
худотарсӣ бигзаронед,+
18 Чун медонед, ки шумо на бо фидияи нуқра ё тилло харида
шудаед аз ҳаёти ботиле ки аз падарони худ мерос гирифтаед,+
19 Балки бо Хуни гаронбаҳои Масеҳ, ҳамчун барраи беайб ва пок,
20 Ки пеш аз таъсиси ҷаҳон пешакӣ таъин шуда буд, лекин дар
замони охир барои шумо зоҳир шудааст,+
21 Ки ба воситаи Масеҳ шумо ба Худое имон овардед, ки Масеҳро
аз мурдагон эҳьё кард ва ба Ӯ ҷалол бахшид, то ки шумо ба Худо
имон ва умед дошта бошед.
22 Чун ҷонҳои худро бо итоати ростӣ ба воситаи Рӯҳ барои
бародардӯстии бериё пок кардаед, доимо якдигарро аз самими қалб
дӯст бидоред,+
23 Ҳамчун касоне ки аз нав ба вуҷуд омадаед на аз тухми фонӣ,
балки аз тухми бефано, ба василаи каломи Худо, ки зинда аст ва то
абад боқист+.
24 Зеро ки ҳар ҷисм мисли алаф аст, ва ҳар ҷалоли одамӣ — мисли
гули алаф; алаф хушк мешавад, ва гули он мерезад;

25 Аммо каломи Худованд то абад боқист. Ва ин аст он каломе ки
ба шумо мавъиза шудааст+.

## Дар бораи нашъунамо ёфтан дар ҳолати масеҳӣ.

**2** 1 Пас, ҳар кина ва ҳар макр ва риё ва ҳасад ва ҳар бадгӯиро аз
худ дур карда,+
2 Чун кӯдакони навзод муштоқи шири поки калом бошед, то ки аз
он барои наҷот нашъунамо ёбед,+
3 Агар ҳақиқатан чашидаед, ки Худованд некӯст+.

## Қавми Худо бар ҳасби аҳди ҷадид.

4 Ва чун наздик мешавед ба Ӯ, яъне ба санги зиндае ки одамон рад
карданд, вале Худованд онро баргузид ва гаронбаҳо мешуморад,+
5 Худатон низ, ҳамчун сангҳои зинда, аз худ ҳонаи рӯҳонӣ,
каҳонати муқаддас барпо намоед, то ки қурбониҳои рӯҳонии
мақбули Худоро ба василаи Исои Масеҳ тақдим кунед+.
6 Зеро ки дар Навишта гуфта шудааст:
«Инак, Ман дар Сион санги зовия мегузорам,
ки баргузида ва гаронбаҳост;
ва касе ки ба Он имон оварад, хиҷил наҳоҳад шуд»+.
7 Пас, Он барои шумо, имондорон, чизи гаронбаҳост, аммо барои
беимонон сангест, ки меъморон рад кардаанд, лекин он санги сари
гӯшаи бино гардидааст,+
8 Ва санги пешпо ва сахраи васваса, зеро ки онҳо, ба калом итоат
накарда, ба ин санг пешпо мехӯранд, ки барои ҳамин ҳам таъин
шудаанд+.
9 Лекин шумо насли баргузида, каҳонати шоҳона, халқи муқаддас,
қавме ҳастед, ки мулки азизи Худо дониста шудаед, то аз камолоти
Ӯ, ки шуморо аз зулмот ба рӯшноии аҷоиби Худ даъват намудааст,
нақл кунед, —+
10 Шумо, ки як вақте қавм набудед, вале ҳоло қавми Худо ҳастед;
як вақте аз марҳамат маҳрум будед, вале ҳоло ба он ноил шудаед+.

## Муҳоҷирати имондорон ҳамчун ғарибон дар он дунъё.

## 1. Муҳоҷират дар миёни халқҳо.

11 Эй маҳбубон! Аз шумо, ҳамчун ғарибон ва муҳоҷирон,
хоҳишмандам, ки аз ҳавасҳои ҷисм, ки бар зидди ҷон қиём
мекунанд, парҳез намоед+

12 Ва дар миёни халқҳо умри некӯкорона ба сар баред, то ки онҳо ба ҷои он ки дар ҳаққи шумо ҳамчун бадкирдорон бадгӯӣ кунанд, аъмоли некатонро дида, Худоро дар рӯзи тафаққуд ҳамду сано хонанд+.

## 2. Ӯҳдадориҳо нисбат ба ҳукуматдорон.

13 Пас, ба хотири Худованд ба ҳар сарвари одамӣ итоат намоед: хоҳ ба подшоҳ, ҳамчун ҳокимияти олӣ,+
14 Хоҳ ба ҳокимон, ҳамчун касоне ки аз ҷониби вай фиристода мешаванд, то ки ҷинояткоронро ҷазо диҳанд ва некӯкоронро тақдир кунанд, —+
15 Зеро чунин аст иродаи Худо, то ки мо бо некӯкории худ даҳони ҷаҳолати мардуми беандешаро маҳкам кунем, —
16 Ҳамчун касони озод, на ҳамчун касоне ки аз озодӣ барои рӯпӯш кардани бадӣ истифода мебаранд, балки ҳамчун бандагони Худо+.
17 Ҳамаро ҳурмат кунед, бародариро дӯст доред, аз Худо тарсед, подшоҳро иззат кунед+.

## 3. Сухане ба хизматгорон: намунаи ибрати Масеҳ дар андӯҳи ноҳақ.

18 Эй хизматгорон, бо камоли тарс ба оғоёни худ итоат намоед, на танҳо ба оғоёни нек ва фурӯтан, балки ба оғоёни сахтгир низ+.
19 Зеро савоб аст, ки кас агар аз рӯи виҷдон ба хотири Худо андӯҳгин шуда, ноҳақ уқубат кашад+.
20 Зеро чӣ фахре ҳаст агар шумо барои кирдори бад шаллоқ хӯрда тоқат кунед? Аммо агар барои некӯкорӣ уқубат кашида тоқат кунед, ин мақбули Худост.
21 Зеро ки шумо барои ҳамин даъват карда шудаед, чунки Масеҳ низ барои шумо уқубат кашида, ба шумо намунаи ибрат боқӣ гузошт, то ки аз паи Ӯ равона шавед:+
22 Ӯ гуноҳе накардааст, ва дар забонаш макре набуд;+
23 Гирифтори бадгӯӣ гардида, Ӯ ҷавобан бадгӯӣ намекард; азоб кашида, таҳдид намекард, балки Худро ба Довари Одил месупурд;+
24 Ӯ шахсан гуноҳҳои моро дар Бадани Худ ба дор бардошт, то ки мо аз гуноҳҳо фориғ шуда, барои адолат зиндагӣ кунем: шумо аз ҷароҳатҳои Ӯ шифо ёфтед+.

25 Зеро ки шумо мисли гӯсфандони гумшудае будед, лекин ҳоло
сӯи Чӯпон ва Нозири ҷонҳои худ баргаштаед+.

## 4. Сухане ба занону шавҳарон.

**3** 1 Ҳамчунин шумо, эй занон, ба шавҳарони худ итоат намоед, то
ки, агар баъзе аз онҳо мутеи калом набошанд, ба воситаи рафтори
занон бе калом тобеъ гарданд,+
2 Вақте ки рафтори поки худотарсонаи шуморо мушоҳида кунанд.
3 Бигзор зебоии шумо на ороиши зоҳирӣ: гесӯ бофтан, зевари
тилло бастан ё либосҳои зебо пӯшидан,
4 Балки одамияти ботинии самимӣ дар рӯҳи ҳалиму сокити
бефано бошад, ки ин дар назари Худо гаронбаҳост,+
5 Чунон ки як вақте занони муқаддас низ худро бо умед бастан ба
Худо оро медоданд ва мутеи шавҳарони худ буданд,
6 Ба монанди Соро, ки ба Иброҳим итоат намуда, ӯро оғо меномид;
шумо фарзандони вай ҳастед, модоме ки некӣ мекунед ва аз ҳеҷ
тарсе музтариб намешавед+.
7 Ҳамчунин шумо, эй шавҳарон, бо занон, ки зарфи заифтар
ҳастанд, бомулоҳиза рафтор кунед, ва онҳоро ҳамчун ҳамирсони
файзи ҳаёт мӯҳтарам доред, то ки ба дуоҳои шумо мамониате
нарасад+.

## 5. Дар бораи муносибати бародарии аъзоёни калисо ва дар бораи уқубатҳо барои адолат.

8 Ниҳоят, ҳамаатон ҳамфикр, ҳамдард, бародардӯст, бошафқат,
меҳрубон ва фурӯтан бошед;+
9 Дар ивази бадӣ, бадӣ накунед, ё дар ивази лаъват, лаънат нагӯед;
баръакс, баракат диҳед, чун медонед, ки шумо барои он даъват карда
шудаед, ки вориси баракат гардед+.
10 Зеро, касе ки ҳаётро дӯст медорад ва мехоҳад рӯзҳои нек бинад,
бигзор забонашро аз бадӣ нигоҳ дорад, ва лабҳояшро аз гуфтори
макромез,
11 Аз бадӣ дур шавад ва некӣ кунад, талабгори осоиштагӣ шавад ва
дар паи он бошад,
12 Чунки чашмони Худованд сӯи одилон нигаронида шудааст, ва
гӯшҳои Ӯ — сӯи дуои онҳо, аммо рӯи Худованд ба муқобили
бадкорон аст+.

[13] Ва кист, ки ба шумо бадӣ кунад, агар шумо дар некӯкорӣ ғаюр
бошед?
[14] Лекин агар барои адолат уқубат кашед, хушо шумо; аз воҳимаи
онҳо натарсед ва музтариб нашавед+.
[15] Худованд Худоро дар дилҳои худ тақдис намоед; ҳамеша тайёр
бошед, ки ба ҳар касе ки аз шумо дар бораи умедатон ҳисоб талаб
кунад, бо фурӯтанӣ ва эҳтиром ҷавоб диҳед:+
[16] Бигзор виҷдони шумо пок бошад, то онҳое ки рафтори
некатонро дар Масеҳ мазаммат менамоянд, бо он чи шуморо бадгӯӣ
мекунанд, шарманда шаванд+.
[17] Зеро, агар мутобиқи иродаи Худо бошад, барои аъмоли нек
уқубат кашидан беҳтар аст аз он ки кас барои аъмоли бад уқубат
кашад,+

## 6. Масеҳ бо уқубатҳои худ, ки бар салиб кашидааст, имондоронро сӯи Худо меоварад.

[18] Чунки Масеҳ низ, барои он ки моро сӯи Худо оварад, як бор
барои гуноҳҳои мо уқубат кашид, яъне одил барои золимон ба ҳасби
ҷисм кушта шуд, аммо ба ҳасби рӯҳ зинда гардид,+
[19] Ва дар рӯҳ Ӯ рафта, ба арвоҳе ки дар зиндон буданд, мавъиза
намуд+.
[20] Онҳо пештар беитоат буданд, вақте ки Худо, дар айёми Нӯҳ,
пурсаброна интизорӣ мекашид, ҳангоме ки киштӣ соҳта мешуд, ки
дар он мардуми каме, яъне ҳашт нафар, аз об наҷот ёфтанд.
[21] Ва тимсоли он таъмид аст, ки на шустани нопокии ҷисм, балки
ба зимма гирифтани виҷдони пок аст ба ҳузури Худо, ки ҳоло моро
низ ба воситаи эҳёи Исои Масеҳ наҷот медиҳад,+
[22] Ки Ӯ ба осмон сууд карда, ба ямини Худо нишастааст ва
фариштаҳо ва ҳукуматдориҳо ва қудратҳо мутеи Ӯ шудаанд+.

## Таъсири пурбаракати уқубатҳо ба ҳаёти имондорон.

4 1 Пас, чӣ тавре ки Масеҳ барои мо ба ҳасби ҷисм уқубат
кашидааст, шумо низ бо ҳамон фикр мусаллаҳ шавед; зеро касе ки
ба ҳасби ҷисм уқубат кашад, дигар гуноҳ намекунад,+
2 То ки боқии умри ҷисмониро на аз рӯи ҳавасҳои одамӣ, балки
мувофиқи иродаи Худо ба сар барад+.
3 Шумо дар замони гузашта ба андозаи кофӣ мисли халқҳо рафтор
кардаед, ба нопокиҳо ва ҳавасҳо, ба мастигарӣ, ба ифроткорӣ дар
хӯрдан ва нӯшидан ва ба бутпарастии зишт дода шудаед.
4 Ба ҳамин сабаб онҳо мутаҳайир мешаванд, ки шумо бо онҳо дар
ҳамон фисқу фуҷур иштирок надоред, ва дар ҳаққи шумо бадгӯӣ
мекунанд;+
5 Онҳо ба Худое ки тайёр аст зиндагон ва мурдагонро доварӣ
кунад, ҳисоб хоҳанд дод+.
6 Зеро барои ҳамин ба мурдагон низ башорат дода шудааст, то ки
онҳо ба ҳасби ҷисм ба тариқи одамизод ба доварӣ дучор гардида,
вале ба ҳасби рӯҳ ба тариқи Худо зиндагӣ кунанд.

## Дар бораи ҳаёт дар калисои имондорон.

7 Аммо фарҷоми ҳама чиз наздик аст. Пас бомулоҳиза ва барои
дуо ҳушьёр бошед+.
8 Пеш аз ҳама чиз ба якдигар муҳаббати пурзӯр дошта бошед,
чунки муҳаббат гуноҳҳои зиёдро рӯпӯш мекунад;+
9 Якдигарро бешикваю шикоят меҳмоннавозӣ кунед;+
10 Ба якдигар, ҳар яке аз рӯи бахшоише ки ёфтаед, ҳамчун
муваккалони неки файзи гуногуни Худо хизмат кунед+.
11 Касе агар сухане ба забон ронад, бигзор ҳамчун суханони Худо
ба забон ронад; касе агар хизмат кунад, бигзор мувофиқи қуввате ки
Худо ба вай медиҳад, хизмат кунад, то ки дар ҳама чиз Худо ба
воситаи Исои Масеҳ ҷалол ёбад, ки Ӯро ҷалол ва салтанат то абад бод.
Омин+.

## Уқубатҳо барои ҷалоли оянда пок мекунанд.

12 Эй маҳбубон! Аз озмоиши оташе ки барои имтиҳони шумо
фиристода мешавад, ҳайрон нашавед, ки гӯё воқеаи аҷибе ба шумо

рӯй дода бошад,+
13 Балки, модоме ки шумо дар уқубатҳои Масеҳ иштирок доред,
шодӣ кунед, то ки дар вақти зуҳури ҷалоли Ӯ низ ба ваҷд оед ва
хурсандӣ кунед+.
14 Агар дар ҳаққи шумо ба хотири исми Масеҳ бадгӯӣ кунанд,
хушо шумо, чунки Рӯҳи ҷалол, Рӯҳӣ Худо бар шумо қарор мегирад:
онҳо Ӯро хорӣ медиҳанд, лекин шумо ҷалол медиҳед+.
15 Бигзор ҳеҷ яке аз шумо ҳамчун қотил, ё дузд, ё бадкирдор, ё
фузул уқубат накашад;
16 Аммо агар касе ҳамчун масеҳӣ уқубат кашад, бигзор хиҷил
нашавад, балки барои чунин қисматаш Худоро ҳамду сано хонад+.
17 Зеро вақти он расидааст, ки доварӣ аз хонаи Худо оғоз шавад; ва
агар аввал аз мо оғоз шавад, пас фарҷоми онҳое ки ба Инҷили Худо
итоат намекунанд, чӣ гуна хоҳад буд+?
18 Ва агар одил базӯр наҷот меёфта бошад, пас оқибати осиён ва
гуноҳкорон чӣ хоҳад буд+?
19 Пас, онҳое ки бар тибқи иродаи Худо уқубат мекашанд, бигзор
ҷонҳои худро ба Офаридагори амин супоранд ва некӣ кунанд+.

## Худи Худо имондоронро мустаҳкам мекунад ва устувор мегардонад.

5 [1] Аз пирони шумо хоҳишмандам ман, ки низ пир ва шоҳиди
уқубатҳои Масеҳ ҳастам, ва шарики ҷалоле хоҳам буд, ки бояд ба
зуҳур ояд:+
[2] Рамаи Худоро, ки назди шумост, бичаронед ва ба он назорат
кунед, на ба таври маҷбурӣ, балки ба таври ихтиёрӣ, чунон ки
мақбули Худост, ва на аз барои тамаи нангин, балки аз сидқи дил,+
[3] Ва на ҳамчун касоне ки бар мероси Худо ҳукмронӣ мекунанд,
балки ба рама намунаи ибрат нишон диҳед, —+
[4] Ва ҳангоме ки Сарвари чӯпонон зоҳир шавад, шумо тоҷи
ҷалолро, ки пажмурда намешавад, хоҳед ёфт+.
[5] Ҳамчунин шумо, эй ҷавонон, ба пирон итоат намоед; ва
ҳамаатон, ба якдигар итоат намуда, фурӯтаниро дар бар кунед,
чунки Худо ба мағрурон муқобилат мекунад, вале ба фурӯтанон файз
мебахшад+.
[6] Пас, дар зери дасти пурзӯри Худо фурӯтан бошед, то ки Ӯ
шуморо дар замони Худ сарафроз кунад;
[7] Ҳамаи ғамҳои худро ба Ӯ вогузор намоед, зеро ки Ӯ ба шумо
ғамхорӣ мекунад+.
[8] Ҳушьёр ва бедор бошед, чунки душмани шумо, иблис, мисли
шери ғуррон гаштугузор карда, касеро меҷӯяд, то ба коми худ
кашад;+
[9] Ба вай бо имони қавӣ муқобилат кунед, чун медонед, ки ин гуна
уқубатҳо ба сари бародарони шумо низ, ки дар сар то сари ҷаҳон
ҳастанд, меояд+.
[10] Ва Худои ҳар файз, ки моро ба ҷалоли абадии Худ дар Исои
Масеҳ даъват намудааст, баъд аз уқубати кӯтоҳмуддати шумо,
шуморо комил, устувор, қавӣ ва матин хоҳад кард+.
[11] Ӯро ҷалол ва салтанат то абад бод. Омин+.
[12] Ба воситаи Силвонус, ки ба фикри ман бародари амин аст, ба
шумо мухтасар навиштам, то шуморо насиҳат ва шаҳодат диҳам, ки
ҳамин аст файзи ҳақиқии Худо, ки дар он шумо қоим ҳастед+.

## Саломҳо.

[13] Калисое ки дар Бобил аст ва мисли шумо интихоб шудааст, ба
шумо салом мерасонад, ҳамчунин писарам Марқӯс+.
[14] Ба якдигар бо бӯсаи муҳаббат салом гӯед. Бар ҳамаи шумо, ки
дар Исои Масеҳ ҳастед, осоиштагӣ бод. Омин+.

---

+ 1:1 Мат. 4:18-21, Юҳ. 1:40-42, Яъқ. 1:1

+ 1:2 Ибр. 12:24, Дон. 3:31, 2 Пет. 1:2, Яҳ. 1:2

+ 1:3 2 Қӯр. 1:3, Эфс. 1:3, 1 Пет. 3:21, Юҳ. 3:3, Тит. 3:5

+ 1:4 Мат. 6:20, Мат. 19:21, Қӯл. 1:5

+ 1:5 Эфс. 2:8

+ 1:6 Мат. 5:11-12, Яъқ. 1:2-3

+ 1:7 Айюб 23:10, Заб. 65:10, 1 Қӯр. 3:13, Рум. 2:10

+ 1:8 Юҳ. 20:29

+ 1:10 2 Пет. 1:19

+ 1:11 Рум. 8:9, Луқ. 24:26

+ 1:12 Аъм. 2:2-4

+ 1:13 Марқ. 13:33-34, Эфс. 6:18, 1 Тас. 5:6

+ 1:14 Аъм. 17:30, Эфс. 4:18-19, Рум. 12:2, Тит. 3:3

+ 1:15 1 Юҳ. 3:3, 2 Пет. 3:11

+ 1:16 Иб. 11:44, Иб. 19:2

+ 1:17 Так. Шар. 10:17, Хур. 4:22, Ирм. 31:9, 2 Қӯр. 6:18

+ 1:18 Хур. 12:3, Иб. 1:10, Иш. 53:7, Юҳ. 1:29, Аъм. 20:28, Ибр. 9:14

+ 1:20 Ибр. 1:2

+ 1:22 Юҳ. 13:34, Рум. 12:9, Ибр. 13:1

+ 1:23 Юҳ. 1:13, Ибр. 4:12

+ 1:25 Иш. 40:6-8, Яъқ. 1:10-11

+ 2:1 Эфс. 4:31, Қӯл. 3:8

+ 2:2 Мат. 18:3, 1 Қӯр. 3:2, Ибр. 5:13

+ 2:3 Заб. 33:9

+ 2:4 1 Қӯр. 10:4

+ 2:5 Эфс. 2:20-22, Хур. 19:6

+ 2:6 Иш. 28:16, Рум. 9:33, Рум. 10:11

+ 2:7 Заб. 117:22, Марқ. 12:11, Аъм. 4:11

+ 2:8 Иш. 8:14, Рум. 9:33

+ 2:9 Так. Шар. 10:15, Хур. 19:6, Так. Шар. 7:6, Ваҳй 1:6, Ваҳй 5:10, Заб. 35:10, Юҳ. 1:9

+ 2:10 Ҳуш. 1:6, Ҳуш. 1:9, Ҳуш. 2:23, Рум. 9:25

+ 2:11 Иб. 25:23, Яъқ. 4:1, Рум. 7:23, Рум. 13:14, Ғал. 5:24

+ 2:12 Мат. 5:16, 2 Қӯр. 9:13, Ғал. 1:24

+ 2:13 Рум. 13:1, Тит. 3:1

+ 2:14 Рум. 13:3-4

+ 2:16 Юҳ. 8:32, Яъқ. 1:25, Яъқ. 2:12, Рум. 6:18, 1 Қӯр. 7:22, 2 Қӯр. 3:17, Ғал. 5:1, Ғал. 5:13, 1 Қӯр. 7:22

+ 2:17 Мас. 24:21, Рум. 13:7

+ 2:18 Эфс. 6:5, Қӯл. 3:22, 1 Тим. 6:1, Тит. 2:9

+ 2:19 1 Пет. 3:14, 1 Пет. 3:17, 1 Пет. 4:16

+ 2:21 Аъм. 14:22, Юҳ. 13:15

+ 2:22 Иш. 53:9

+ 2:23 Мат. 5:39, Иш. 53:7, Луқ. 23:46

+ 2:24 Рум. 6:2, Ғал. 2:19, Ғал. 5:24, Иш. 53:4-5

+ 2:25 Заб. 118:176, Иш. 53:6, Ирм. 50:6, Ҳиз. 34:6, Ҳиз. 34:11, Луқ. 15:6

+ 3:1 Ҳас. 3:16, 1 Қӯр. 14:34, Эфс. 5:22, Қӯл. 3:18, Тит. 2:5

+ 3:4 1 Тим. 2:9

+ 3:6 Ҳас. 18:12

+ 3:7 Эфс. 5:25, Қӯл. 3:19

+ 3:8 Рум. 12:16

+ 3:9 Иб. 19:18, 1 Тас. 5:15, Рум. 12:17, Мат. 5:44, Рум. 12:14, 1 Қӯр. 4:12

+ 3:12 Заб. 33:13-17

+ 3:14 Мат. 5:10, 1 Пет. 2:19-20, 1 Пет. 4:14-16, Иш. 8:12

+ 3:15 Иш. 8:13, Қӯл. 4:6

+ 3:16 1 Пет. 2:12, Луқ. 13:17

+ 3:17 1 Пет. 2:20

+ 3:18 1 Пет. 2:21, 1 Пет. 4:1, Ибр. 9:26-28

+ 3:19 Ҳас. 6:3-14, Ҳас. 7:17, 2 Пет. 2:5

+ 3:21 Рум. 6:4, Марқ. 16:16, 1 Пет. 1:3

+ 3:22 Луқ. 24:51, Аъм. 1:9, Заб. 109:1, Марқ. 16:19, Рум. 8:34, Рум. 8:38, 1 Қӯр. 15:24, Эфс. 1:21

+ 4:1 1 Пет. 3:18, Рум. 6:2, Рум. 6:7, Ғал. 5:24, Қӯл. 3:3

+ 4:2 Рум. 6:14, Рум. 14:7-8, 2 Қӯр. 5:15, Тит. 2:12

+ 4:4 Эфс. 4:17-19, 1 Пет. 2:12, 1 Пет. 3:16

+ 4:5 Юҳ. 5:22, Аъм. 10:42, 1 Пет. 4:5

+ 4:7 Яъқ. 5:8, 1 Қӯр. 7:29, 1 Қӯр. 7:31, Марқ. 14:38

+ 4:8 Мас. 10:12, Яъқ. 5:20

+ 4:9 Ибр. 13:2

+ 4:10 Рум. 12:6-8, 1 Қӯр. 7:7, Луқ. 12:42-43

+ 4:11 Юҳ. 13:31, 1 Қӯр. 10:31, Яҳ. 1:24-25, Ваҳй 1:6, Ваҳй 5:13

+ 4:12 1 Пет. 1:7

+ 4:13 Аъм. 5:41, Фпл. 3:11

+ 4:14 Заб. 88:51-52, Мат. 5:11

+ 4:16 1 Пет. 2:19-20

+ 4:17 Рум. 2:9, Ирм. 25:29

+ 4:18 Мас. 11:31

+ 4:19 Заб. 30:6, Луқ. 23:46

+ 5:1 Луқ. 24:48, Рум. 8:17

+ 5:2 Юҳ. 21:16-17, Аъм. 20:28, 1 Тим. 3:8, Тит. 1:7

+ 5:3 Мат. 20:25-26, Фпл. 3:17, 2 Тас. 3:9, 1 Тим. 4:12, Тит. 2:7

+ 5:4 Заб. 22:1, Заб. 79:2, Иш. 40:11, Ҳиз. 34:11-15, Воиз 12:12, Юҳ. 10:11, Ибр. 13:20, 1 Қӯр. 9:25

+ 5:5 Мас. 3:34, Яъқ. 4:6

+ 5:7 Заб. 36:5, Мат. 6:25, Фпл. 4:6

+ 5:8 Марқ. 13:33-34, 1 Пет. 5:8, Эфс. 6:18, 1 Тас. 5:6, Айюб 1:6, Айюб 2:2, 2 Қӯр. 2:11, Эфс. 6:11

+ 5:9 Яъқ. 4:7, Аъм. 14:22, 1 Тас. 3:3

+ 5:10 2 Тим. 2:10

+ 5:11 1 Пет. 4:11

+ 5:12 Аъм. 15:22, Аъм. 15:40, 1 Тас. 1:1, 2 Тас. 1:1

+ 5:13 Аъм. 12:12, Аъм. 13:5, Аъм. 15:37

+ 5:14 Рум. 16:16

*НОМАИ ДУЮМИ*

# ҲАВВОРИИ МУҚАДДАС ПЕТРУС

1 2 3

## Омода шудан ба анҷоми наҷот.

**1** 1 Шимъӯни Петрус, ки банда ва ҳаввории Исои Масеҳ аст, ба
онҳое ки имони гаронбаҳоро мисли имони мо дар адолати Худои
мо ва Исои Масеҳи Наҷотдиҳанда қабул карданд:+
2 Файз ва осоиштагӣ дар шинохтани Худо ва Исои Худованди мо
бар шумо фаровон бод+.
3 Азбаски қуввати илоҳии Ӯ ҳамаи чизҳои барои ҳаёт ва
парҳезгорӣ зарурро ба мо бахшидааст, ба воситаи шинохтани Ӯ, ки
моро бо ҷалол ва камоли Худ даъват намудааст,
4 Ки бо онҳо ба мо ваъдаҳои бузург ва гаронбаҳо дода шудааст, то
ки шумо ба воситаи онҳо шарики табиати илоҳӣ гардида, аз фасоди
шаҳват, ки дар ҷаҳон ҳукмфармост, дур шавед, —+
5 Бинобар ин шумо тамоми ҷидду ҷаҳди худро ба кор бурда, ба
имони худ некӯкориро изофа намоед, ба некӯкорӣ — хирадмандиро,
6 Ба хирадмандӣ — порсоиро, ба порсоӣ — тоқатро, ба тоқат —
парҳезгориро,+
7 Ба парҳезгорӣ — бародардӯстиро ва ба бародардӯстӣ —
муҳаббатро+.
8 Агар ин сифот дар шумо ёфт шавад ва афзоиш ёбад, шумо дар
шинохтани Худованди мо Исои Масеҳ бе муваффақият ва бе самар
наҳоҳед монд;+
9 Вале дар ҳар кӣ ин сифот ёфт нашавад, вай кӯр аст, яъне
чашмонашро пӯшида, фаромӯш кардааст, ки гуноҳҳои пештараи ӯ
татҳир шудаанд+.
10 Аз ин рӯ, эй бародарон, беш аз пеш саъю кӯшиш намоед, ки
даъват ва интихоби худро устувор гардонед ва агар ҳамин тавр
рафтор кунед, ҳаргиз пешпо нахоҳед хӯрд,+
11 Зеро ки бо чунин роҳ даромадгоҳи Малакути абадии Худованд
ва Наҷотдиҳандаи мо Исои Масеҳ барои шумо бемалол кушода хоҳад
шуд+.
12 Барои ҳамин ман ба ёди шумо овардани инро ҳаргиз бас
намекунам, гарчанде ки шумо инро медонед ва дар ин ростӣ устувор
ҳастед+.
13 Аммо ман салоҳ медонам, то даме ки дар ин хайма ҳастам,
шуморо бо ёдоварӣ таҳрик диҳам,

[14] Чун медонам, ки ба қарибӣ бояд хаймаи худро тарк кунам,
чунон ки Худованди мо Исои Масеҳ ба ман эълон намудааст+.
[15] Ва саъю кӯшиш хоҳам кард, ки шумо пас аз риҳлатам низ
ҳамеша инро ба ёд оваред.

## Дигаргун шудани Исо пешгӯиест дар бораи бори дуюм бо ҷалол омадани Ӯ.

[16] Зеро, ҳангоме ки мо қувват ва омадани Худованди мо Исои
Масеҳро ба шумо хабар додем, аз паи афсонаҳои фиребгарона
нарафтаем, балки кибриёи Ӯро бо чашми худ дидаем+.
[17] Зеро ки Ӯ аз Худои Падар шавкат ва ҷалол ёфт, вақте ки аз
ҷониби ҷалоли боазамат сӯи Ӯ чунин овоз расид: «Ин аст Писари
Маҳбуби Ман, ки ҳусни таваҷҷӯҳи Ман бар Ӯст»+.
[18] Ва ин овозро, ки аз осмон омада расид, мо шунидем, ҳангоме ки
бо Ӯ дар кӯҳи муқаддас будем.
[19] Ва каломи нубувват барои мо матонати бештаре дорад; шумо
хуб мекунед, ки ба он рӯ меоваред, ҳамчун ба чароғе ки дар ҷои
торик нур мепошад, то даме ки чашми рӯз кушода шуда, ситораи
субҳ дар дилҳои шумо тулӯъ намояд;+
[20] Ва пеш аз ҳама чиз инро бидонед, ки ҳеҷ як нубуввати
Навиштаҳо тафсири шахсиро раво намедонад;
[21] Зеро ки ҳаргиз нубувват ба ҳасби иродаи одамизод ба забон
ронда нашудааст, балки муқаддасони Худо, бо таҳрики Рӯҳулқудс,
онро ба забон рондаанд+.

## Дар борai муаллимони козиби фосиқ ва доварӣ бар онҳо.

2 [1] Аммо дар миёни қавм анбиёи козиб низ буданд, чунон ки дар
миёни шумо ҳам муаллимони козиб хоҳанд буд, ки бидъатҳои
ҳалокатоварро ҷорӣ хоҳанд кард ва Худовандеро, ки барои онҳо
фидия дод, инкор намуда, ба зудӣ ба сари худ ҳалокат хоҳанд овард+.
[2] Ва бисьёр касон фиску фуҷури онҳоро пайравӣ хоҳанд кард, ва
ба василаи онҳо роҳи ростӣ гирифтори таҳқир хоҳад шуд.
[3] Ва аз рӯи тамаъкорӣ бо суханони макромез шуморо ба дом
хоҳанд даровард; ҳукми онҳо кайҳо муҳайёст, ва ҳалокати онҳо
пинак нарафтааст+.
[4] Зеро, модоме ки Худо ба фариштаҳои гуноҳкор амон надод,
балки онҳоро дар ҷаҳаннам андохта, ба мағораҳои зулмот супурд, то
ки барои доварӣ дар қайду банд нигоҳ дошта шаванд;+
[5] Ва ба дуньёи қадим амон надод, балки фақат ҳашт нафар ва аз он
ҷумла Нӯҳро, ки воизи адолат буд, маҳфуз дошта, бар олами осиён
тӯфон овард;+
[6] Ва шаҳрҳои Садӯм ва Амӯроро ба ҳалокат маҳкум намуд ва,
ҳамчун тимсоле барои осиёни оянда, ба хокистар табдил дод,+
[7] Ва Лути одилро, ки аз рафтори фосиқонаи шарирон ба танг
омада буд, раҳо кард, —+
[8] Зеро ки он одил дар миёни онҳо умр ба сар бурда ва корҳои бади
онҳоро дида ва шунида, ҷони одилонаи худро ҳаррӯза меозурд, —+
[9] Пас Худованд медонад, ки чӣ гуна парҳезгоронро аз озмоиш раҳо
кунад ва шариронро барои ҷазо то рӯзи доварӣ дар қайду банд нигоҳ
дорад,+
[10] Алалхусус онҳоеро, ки аз паи ҳавасҳои қабеҳи ҷисм мераванд,
ва аз сарварон нафрат доранд, ва густохӣ ва худсарӣ мекунанд ва аз
бадгӯӣ дар ҳаққи мақомҳои осмонӣ наметарсанд,+
[11] Дар сурате ки ҳатто фариштагон, ки дар қудрат ва қувват аз
онҳо бартарӣ доранд, ба ҳузури Худованд дар ҳаққи онҳо ҳукми
мазамматкунандае ба забон намеронанд.
[12] Аммо онҳо ҳамчун ҳайвоноти безабоне ки табиатан барои
шикор ва талаф таваллуд ёфтаанд, ба он чи намефаҳманд, бӯҳтон
мезананд, ва онҳо дар фасоди худ талаф хоҳанд шуд,+

[13] Ва подоши шарорати худро хоҳанд ёфт, зеро ки айшу нӯши ҳаррӯзаро барои худ роҳат медонанд; онҳо, ки беҳаё ва қабоҳаткор ҳастанд, аз ҳуққабозиҳои худ лаззат мебаранд, ҳангоме ки бо шумо айшу ишрат мекунанд.
[14] Чашмони онҳо пур аз зино ва гуноҳи доимист; онҳо ҷонҳои ноустуворро ба дом медароваранд; дили онҳо ба тамаъкорӣ омӯхта шудааст; онҳо фарзандони лаънат ҳастанд.

## Анбиёи козиб, мисли Билъом, роҳи ростро тарк мекунанд.

[15] Онҳо роҳи ростро тарк карда, гумроҳ шудаанд ва аз паи Билъом ибни Баӯр рафтаанд, ки вай музди ноҳақро дӯст медошт+.
[16] Аммо дар шарорати худ мазаммат карда шуд: модахари безабон бо овози одамӣ сухан ронда, девонагии набиро боздошт+.
[17] Онҳо чашмаҳои беоб ва абрҳое ҳастанд, ки бо тундбод ронда мешаванд: барои онхо зулмоти торикии абадӣ муҳайё шудааст+.

## Муаллимони козиб бо қиёфаи олимонаи дабдабанок озодиро ваъда медиҳанд ва касони дар имон ноустуворро ба дом медароваранд.

[18] Зеро ки суханони беҳудаи дабдабаноке гуфта, онҳоеро, ки навакак аз гумроҳон халос шудаанд, ба доми ҳавасҳои ҷисм, ба доми фисқу фуҷур медароваранд;+
[19] Ба онҳо озодиро ваъда медиҳанд, дар сурате ки худашон ғуломони фасод ҳастанд; зеро ҳар кӣ касеро мағлуб карда бошад, ҳамон кас ғуломи ӯст+.
[20] Зеро, агар ба василаи шинохтани Худованд ва Наҷотдиҳандаи мо Исои Масеҳ аз қабоҳатҳои дунье халосӣ ёфта, аз нав ба доми онҳо афтода мағлуб мешуда бошанд, анҷоми онҳо бадтар аз аввалашон мешавад+.
[21] Барои онҳо надонистани роҳи адолат беҳтар мебуд аз он ки, баъд аз донистани он, аз ҳукми муқаддасе ки ба онҳо супурда шудааст, рӯй гардонанд+.
[22] Ба онҳо ҳамон чизе рӯй додааст, ки дар ин зарбулмасали дуруст гуфта мешавад: «Саг ба қаи худ баргашт», ва: «Хук баъд аз шустушӯй рафт, ки дар лой ғел занад»+.

# 3

1 Ин номаи дуюм аст, ки ба шумо, эй маҳбубон, менависам; дар
онҳо бо роҳи ёдоварӣ фикри поки шуморо таҳрик медиҳам,+
2 То шумо ба ҳотир оваред суханонеро, ки пештар анбиёи
муқаддас гуфтаанд, ва ҳукми Худованд ва Наҷотдиҳандаро, ки
ҳавворийён ба шумо супурдаанд+.

## Масхарабозони беҳаё Омадани Дуюми Масеҳро мункир мешаванд; раддияи беимонии онҳо.

3 Пеш аз ҳама бидонед, ки дар рӯзҳои охир масхарабозони беҳаёе
пайдо хоҳанд шуд, ки бар тибқи ҳавасҳои худ рафтор намуда,
4 Хоҳанд гуфт: «Куҷост ваъдаи омадани Ӯ? Зеро аз замоне ки
падарон вафот кардаанд, ҳама чиз ончунон ки аз аввали офариниш
буд, боқӣ мондааст»+.
5 Онҳое ки чунин гумон мекунанд, намедонанд, ки дар ибтидо бо
каломи Худо осмон ва замин аз об ва ба воситаи об таркиб ёфта
буданд:+
6 Бинобар ин дуньёи онвақта дар об ғарқ шуда, ба ҳалокат расид+.
7 Аммо осмон ва замини ҳозира низ бо ҳамон калом барои оташ
нигоҳ дошта шудаанд ва то рӯзи доварӣ ва ҳалокати мардуми осӣ
саришта карда мешаванд.

## Чаро Худованд дар омадани Худ таъхир менамояд.

8 Аммо ҳамин як чиз аз шумо, эй маҳбубон, набояд пӯшида бошад,
ки дар назари Худованд як рӯз мисли ҳазор сол аст, ва ҳазор сол
мисли як рӯз+.
9 Худованд дар иҷрои ваъда таъхир наменамояд, чунон ки баъзе
касон инро таъхир ҳисоб мекунанд; балки ба шумо пурсабрӣ зоҳир
менамояд ва намехоҳад, ки касе нобуд шавад, балки ҳама ба тавба рӯ
оваранд+.
10 Валекин рӯзи Худованд, чунон ки дузд дар шаб, ҳохад омад, ва
он гоҳ осмон бо ғулғулае хоҳад даргузашт, ва аносир оташ гирифта,
хоҳанд гудохт, ва замин ва тамоми аъмоле ки дар он аст, хоҳад
сӯхт+.

### Ба таври бояду шояд омода шудан ба омадани Худованд.

11 Агар ҳамаи инҳо чунин нобуд мешуда бошанд, пас шумо дар
рафтори муқаддасона ва парҳезгорӣ чӣ гуна бояд бошед,+
12 Дар ҳолате ки омадани рӯзи Худоро орзу доред ва мешитобонед,
ки дар он рӯз осмон аланга гирифта несту нобуд хоҳад шуд, ва
аносир оташ гирифта, хоҳанд гудохт+?
13 Лекин мо, мувофиқи ваъдаи Ӯ, мунтазири осмони нав ва
замини нав ҳастем, ки дар онҳо адолат сокин хоҳад буд+.
14 Пас, эй маҳбубон, модоме ки инро интизорӣ доред, саъю кӯшиш
намоед, ки назди Ӯ покиза ва беайб дар осоиштагӣ хозир шавед;+
15 Ва пурсабрии Худованди моро наҷот ҳисоб кунед, чунон ки
бародари маҳбуби мо Павлус низ, аз рӯи ҳикмате ки ба ӯ ато
шудааст, ба шумо навиштааст,+
16 Ва ҳамчунин дар ҳамаи номаҳои худ ӯ дар ин бора сухан
меронад, ки дар онҳо кадом як чизи душворфаҳме ҳаст, ки онро
нодонон ва ноустуворон мисли Навиштаҳои дигар ғалат таъбир
менамоянд, ва анҷоми ин кор барои онҳо ҳалокат меоварад+.
17 Пас шумо, эй маҳбубон, азбаски пешакӣ огоҳонида шудаед,
эҳтиёт шавед, ки гирифтори иштибоҳи шарирон нагардед ва аз
матонати худ маҳрум нашавед,
18 Балки дар файз ва шинохтани Худованд ва Наҷотдиҳандаи мо
Исои Масеҳ нумӯ ёбед, ки Ӯро аз ҳоло то абад ҷалол бод. Омин+.

---

+ 1:1 Мат. 4:18-21, Юҳ. 1:40-42, Тит. 2:13

+ 1:2 Дон. 3:31, 1 Пет. 1:2, Яҳ. 1:2

+ 1:4 2 Пет. 2:18

+ 1:6 Яъқ. 1:3-4

+ 1:7 1 Юҳ. 4:16, 1 Қӯр. 13:13, Ибр. 13:1

+ 1:8 Тит. 3:14

+ 1:9 1 Юҳ. 1:7, Эфс. 5:26, Ибр. 9:14

+ 1:10 1 Тас. 1:4

+ 1:11 Қӯл. 1:13

+ 1:12 Яҳ. 1:5

+ 1:14 Юҳ. 21:18-19, 2 Тим. 4:6

+ 1:16 1 Тас. 2:19, 1 Тас. 4:16, Луқ. 9:32, Юҳ. 1:14

+ 1:17 Мат. 3:17, Мат. 17:5, Марқ. 1:11, Марқ. 9:7, Луқ. 9:35, Юҳ. 8:54, Юҳ. 17:1, Аъм. 3:13

+ 1:19 1 Пет. 1:10, Заб. 118:105, Юҳ. 5:35, 2 Қӯр. 4:6

+ 1:21 2 Тим. 3:16, 2 Подш. 17:13, Наҳ. 9:30

+ 2:1 Так. Шар. 13:1-3, Ирм. 14:14, Ирм. 23:16, Мат. 7:15, Аъм. 20:30, 2 Қӯр. 11:13, 1 Тим. 4:1, Яҳ. 1:4, 1 Қӯр. 6:20, 1 Қӯр. 7:23

+ 2:3 Рум. 16:18, Қӯл. 2:4

+ 2:4 Яҳ. 1:6

+ 2:5 Ҳас. 7:17, 1 Пет. 3:19-20, Ҳас. 7:23

+ 2:6 Ҳас. 19:24

+ 2:7 Ҳас. 19:16

+ 2:8 Заб. 118:136, Аъм. 17:16

+ 2:9 1 Қӯр. 10:13, Ваҳй 3:10

+ 2:10 Яҳ. 1:16, Яҳ. 1:8-9

+ 2:12 Яҳ. 1:10

+ 2:15 Ад. 22:5, Ад. 25:1-2, Ад. 31:16, Так. Шар. 23:3-6, Яҳ. 1:11, Ваҳй 2:14

+ 2:16 Ад. 22:21-30

+ 2:17 Яҳ. 1:12-13

+ 2:18 2 Пет. 1:4

+ 2:19 Ғал. 5:13, Юҳ. 8:34, Рум. 6:16-20, Тит. 3:3

+ 2:20 Мат. 12:45, Луқ. 11:26

+ 2:21 Рум. 7:12

+ 2:22 Мас. 26:11

+ 3:1 2 Пет. 1:13

+ 3:2 Яҳ. 1:17-18

+ 3:4 Иш. 5:19, Ирм. 17:15, Ҳиз. 12:22

+ 3:5 Ҳас. 1:9, Заб. 23:2, Заб. 135:6

+ 3:6 Ҳас. 7:11, Ҳас. 7:21

+ 3:8 Заб. 89:5

+ 3:9 Ҳаб. 2:3, Иш. 30:18, Ҳиз. 18:23, Ҳиз. 33:11, Рум. 2:4, 1 Тим. 2:4, 1 Тим. 2:6

+ 3:10 Мат. 24:43, Луқ. 12:39, 1 Тас. 5:2, Заб. 101:26-27, Иш. 34:4, Иш. 51:6, Марқ. 13:31

+ 3:11 1 Пет. 1:15

+ 3:12 Яҳ. 1:21

+ 3:13 Иш. 65:17, Иш. 66:2, Ваҳй 21:1, Иш. 60:21, Ваҳй 21:27

+ 3:14 Яъқ. 1:27, 1 Юҳ. 5:18, 1 Тим. 5:22

+ 3:15 Рум. 2:4, Ваҳй 2:21

+ 3:16 Ибр. 5:10

+ 3:18 Эфс. 4:15, Қӯл. 1:10, Қӯл. 2:19, Рум. 11:36

*НОМАИ ЯКУМИ*

# ҲАВВОРИИ МУҚАДДАС ЮҲАННО

1 2 3 4 5

## Шаҳодати ҳаввори̅ дар бораи Каломи ҳаёт.

1 [1] Дар бораи он чи аз ибтидо буд, ва мо онро шунидаем ва бо
чашмони ҳуд дидаем ва муроқиба намудаем, ва онро дастҳои мо
ламс кардааст, дар бораи Каломи ҳаёт, —+
[2] Зеро ки ҳаёт зоҳир шуд, ва мо дидаем ва шаҳодат медиҳем ва ба
шумо аз ҳаёти ҷовидоние хабар медиҳем, ки бо Падар буд ва ба мо
зоҳир шуд, —+
[3] Дар бораи он чи мо дидаем ва шунидаем, ба шумо хабар
медиҳем, то ки шумо низ бо мо мушоракат дошта бошед; валекин
мушоракати мо бо Падар ва бо Писари Ӯ Исои Масеҳ аст+.
[4] Ва инро мо ба шумо менависем, то ки шодии шумо комил
бошад+.

## Мушоракат бо Худо дар нур зистан ва эътироф кардани гуноҳҳоро металабад.

[5] Ва ин аст паёме ки мо аз Ӯ шунидаем ва ба шумо хабар медиҳем:
Худо нур аст, ва дар Ӯ ҳеҷ зулмоте нест+.
[6] Агар мо гӯем, ки бо Ӯ мушоракат дорем, вале дар зулмот
мегардем, мо дурӯғ мегӯем ва бар тибқи рости̅ рафтор намекунем;+
[7] Аммо агар дар нур мегашта бошем, чунон ки Ӯ дар нур аст, бо
якдигар мушоракат дорем, ва Хуни Писари Ӯ Исои Масеҳ моро аз ҳар
гуноҳ пок менамояд+.
[8] Агар гӯем, ки мо гуноҳе надорем, — худамонро фиреб медиҳем,
ва дар мо рости̅ нест+.
[9] Агар мо гуноҳҳои худро эътироф кунем, Ӯ амин ва одил аст, ки
гуноҳҳои моро биомурзад ва моро аз ҳар ноинсофи̅ пок намояд+.
[10] Агар гӯем, ки мо гуноҳе накардаем, Ӯро дурӯғгӯй месозем, ва
каломи Ӯ дар мо нест+.

## Исо Шафоатгари мо ба ҳузури Падар аст.

**2** 1 Эй фарзандонам! Инро ба шумо менависам, то ки шумо гуноҳ
накунед; ва агар касе гуноҳ кунад, мо ба ҳузури Падар Шафоатгаре
дорем, ки Исои Масеҳи Одил аст+.
2 Ва Ӯ кафорат аст барои гуноҳҳои мо, ва на танҳо барои гуноҳҳои
мо, балки барои гуноҳҳои тамоми ҷаҳон низ+.

## Касе ки каломи Худоро риоят мекунад, дар нур сокин аст.

3 Аз ин медонем, ки Ӯро мешиносем, ки аҳкоми Ӯро риоят
мекунем+.
4 Касе ки гӯяд: «Ман Ӯро мешиносам», аммо аҳкоми Ӯро риоят
накунад, вай дурӯғгӯй аст, ва дар вай ростӣ нест+.
5 Валекин касе ки каломи Ӯро риоят мекунад, дар вай ба ростӣ
муҳаббати Худо ба камол расидааст. Аз ин медонем, ки мо дар Ӯ
ҳастем+.
6 Касе гӯяд, ки дар Ӯ собит мемонад, вай бояд тавре рафтор кунад,
ки Ӯ рафтор мекард.

## Муҳаббати бародарӣ ҳукми тозаест барои фарзандони нур.

7 Эй маҳбубон! Ба шумо ҳукми тозае наменависам, балки ҳукми
қадимие ки шумо аз ибтидо доштед: ҳукми қадимӣ каломест, ки
шумо аз ибтидо шунидаед+.
8 Лекин дар айни ҳол ба шумо ҳукми тозае менависам, ки ростии
он ҳам дар Ӯст ва ҳам дар шумост, чунки зулмот гузарон аст, ва
акнун нури ҳақиқӣ медурахшад+.
9 Ҳар кӣ гӯяд, ки вай дар нур аст, валекин аз бародари худ нафрат
дошта бошад, вай ҳанӯз дар зулмот аст+.
10 Касе ки бародари худро дӯст медорад, вай дар нур сокин аст, ва
дар вай васвасае нест+.
11 Вале касе ки аз бародари худ нафрат дорад, вай дар зулмот аст,
ва дар зулмот мегардад, ва намедонад, ки куҷо меравад, чунки
зулмот чашмонашро кӯр кардааст.
12 Ба шумо, эй фарзандон, менависам, чунки гуноҳҳои шумо ба
хотири исми Ӯ омурзида шудааст+.

13 Ба шумо, эй падарон, менависам, чунки шумо Ӯро, ки аз
ибтидост, шинохтаед. Ба шумо, эй ҷавонон, менависам, чунки шумо
иблисро мағлуб кардаед. Ба шумо, эй бачагон, менависам, чунки
шумо Падарро шинохтаед+.
14 Ба шумо, эй падарон, навиштаам, чунки шумо Ӯро, ки аз
ибтидост, шинохтаед. Ба шумо, эй ҷавонон, навиштаам, чунки шумо
пурзӯр ҳастед, ва каломи Худо дар шумо сокин аст, ва шумо иблисро
мағлуб кардаед.

## Тарк кардани муҳаббати ҷаҳон.

15 Ҷаҳонро дӯст надоред, на он чиро, ки дар ҷаҳон аст: касе ки
ҷаҳонро дӯст медорад, дар вай муҳаббати Падар нест;+
16 Зеро ҳар чи дар ҷаҳон аст: шаҳвати ҷисм, ҳаваси чашмон ва
ғурури зиндагонӣ — аз Падар нест, балки аз ин ҷаҳон аст.
17 Ва ҷаҳон бо ҳавасҳояш гузарон аст, аммо касе ки иродаи Худоро
ба ҷо меоварад, то абад боқист+.

## Ҷудо шудан аз зиддимасеҳ.

18 Эй фарзандон! Соати охирин аст, ва чунон ки шунидаед,
зиддимасеҳ меояд, ва ҳоло зиддимасеҳони зиёде пайдо шудаанд; аз
ин рӯ медонем, ки соати охирин аст+.
19 Онҳо аз мо берун омадаанд, аммо аз они мо набуданд; зеро, агар
онҳо аз они мо мебуданд, бо мо мемонданд; лекин онҳо берун
омаданд, то маълум шавад, ки ҳеҷ яке аз онҳо аз они мо нестанд+.
20 Валекин шумо аз ҷониби Қуддус тадҳин ёфтаед ва ҳамаи шумо
ростиро медонед+.
21 Ман ба шумо на аз он сабаб навиштаам, ки ростиро намедониста
бошед, балки аз он сабаб, ки шумо онро медонед, ҳамчунин инро, ки
ҳеҷ дурӯғ аз ростӣ нест.
22 Кист дурӯғгӯ, ғайр аз касе ки Масеҳ будани Исоро инкор
мекунад? Вай зиддимасеҳ аст, ки Падар ва Писарро инкор мекунад+.
23 Ҳар кӣ Писарро инкор мекунад, Падарро низ надорад; ҳар кӣ
Писарро эътироф мекунад, Падарро низ дорад+.
24 Пас, он чи шумо аз ибтидо шунидаед, бигзор дар шумо бимонад;
агар он чи аз ибтидо шунидаед, дар шумо бимонад, шумо низ дар
Писар ва дар Падар хоҳед монд+.

25 Ва он ваъдае ки Ӯ ба мо додааст, ҳаёти ҷовидонист.
26 Инро ба шумо дар бораи онҳое навиштаам, ки шуморо гумроҳ
мекунанд+.
27 Валекин тадҳине ки шумо аз Ӯ ёфтаед, дар шумо сокин аст, ва
шумо эҳтиёҷе надоред, ки касе шуморо таълим диҳад; аммо азбаски
тадҳини Ӯ ба шумо ҳар чизро таълим медиҳад, ва он рост аст ва
дурӯғ нест, ва ҳамон тавр, ки шуморо таълим додааст, дар Ӯ
бимонед+.
28 Пас, эй фарзандон, дар Ӯ бимонед, то ки ҳангоми зоҳир шудани
Ӯ мо ҷуръат дошта бошем ва ба ҳузури Ӯ дар вақти омадани Ӯ хиҷил
нашавем+.
29 Агар донистаед, ки Ӯ одил аст, пас бидонед, ки ҳар кӣ адолатро
ба амал меоварад, аз Ӯ таваллуд ёфтааст+.

## Ҷалоли фарзандони Худо.

3 [1] Бубинед, ки Падар ба мо чӣ гуна муҳаббате ато намудааст, то
ки мо фарзандони Худо номида шавем, ва чунин ҳастем. Ҷаҳон
моро аз он сабаб намешиносад, ки Ӯро нашинохтааст+.
[2] Эй маҳбубон! Мо акнун фарзандони Худо ҳастем, вале ҳанӯз
маълум нашудааст он чи хоҳем буд. Фақат ҳамин қадарашро
медонем, ки дар вақти зоҳир шуданаш монанди Ӯ хоҳем буд, зеро
Ӯро, чунон ки ҳаст, хоҳем дид+.
[3] Ва ҳар кӣ аз Ӯ чунин умед дорад, худро пок менамояд, чунон ки
Ӯ пок аст+.
[4] Ҳар кӣ гуноҳ мекунад, шариатро мешиканад, ва гуноҳ
шикастани шариат аст.
[5] Ва шумо медонед, ки Ӯ барои бардоштани гуноҳҳои мо зоҳир
шуд, ва дар Ӯ гуноҳе нест+.
[6] Ҳар кӣ дар Ӯ бимонад, гуноҳ намекунад; ҳар кӣ гуноҳ мекунад,
Ӯро надидааст ва Ӯро нашинохтааст+.
[7] Эй фарзандон! Бигзор шуморо ҳеҷ кас фирефта накунад. Касе ки
адолатро ба амал меоварад, вай одил аст, чунон ки Ӯ одил аст+.
[8] Касе ки гуноҳ мекунад, вай аз иблис аст, чунки иблис аз ибтидо
гуноҳ кардааст. Барои ҳамин ҳам Писари Худо зоҳир шуд, ки аъмоли
иблисро вайрон кунад+.
[9] Ҳар кӣ аз Худо таваллуд ёфтааст, гуноҳ намекунад, чунки зоти Ӯ
дар вай сокин аст; вай гуноҳ намекунад, чунки аз Худо таваллуд
ёфтааст+.
[10] Фарзандони Худо ва фарзандони иблис ин тавр шинохта
мешаванд: ҳар кӣ адолатро ба амал намеоварад, аз Худо нест,
ҳамчунин касе ки бародари худро дӯст намедорад+.

## Муҳаббат нишонаи фарзандони Худост.

[11] Зеро паёме ки шумо аз ибтидо шунидаед, чунин аст, ки мо бояд
якдигарро дӯст дорем,+
[12] На ҳамчун Қобил, ки аз иблис буд ва бародари худро кушт. Ва аз
барои чӣ вайро кушт? Аз барои он ки аъмоли худаш бад буд, вале
аъмоли бародараш — одилона+.

13 Ҳайрон нашавед, эй бародаронам, агар ҷаҳон аз шумо нафрат
кунад+.
14 Мо медонем, ки аз марг ба ҳаёт гузаштаем, чунки бародаронро
дӯст медорем; касе ки бародарашро дӯст намедорад, ҳанӯз дар марг
сокин аст+.
15 Ҳар кӣ аз бародари худ нафрат дорад, қотил аст; ва шумо
медонед, ки ҳеҷ як қотил ҳаёти ҷовидоние надорад, ки дар вай сокин
бошад+.
16 Мо муҳаббатро аз он донистем, ки Ӯ ҷони Худро барои мо фидо
кард. Мо ҳам бояд ҷонҳои худро барои бародарон фидо кунем+.
17 Ва агар касе ки дар ҷаҳон осудаҳол аст, бародари худро дар
ҳолати мӯҳтоҷӣ дида, раҳмдилии худро аз вай дареғ медорад, — чӣ
гуна муҳаббати Худо дар ӯ сокин аст+?
18 Эй фарзандонам! На бо сухан ва забон, балки бо амал ва ростӣ
дӯст бидорем+.

## Ҷуръати фарзандони Худо.

19 Ва аз ин хоҳем донист, ки мо аз ростӣ ҳастем, ва дили худро ба
ҳузури Ӯ ором хоҳем кард,
20 Дар ҳар чизе ки дил моро маҳкум менамояд, чунки Худо аз
дили мо бузургтар аст ва ҳар чизро медонад.
21 Эй маҳбубон! Агар дили мо моро маҳкум накунад, мо ба ҳузури
Худо ҷуръат дорем,+
22 Ва ҳар чӣ талаб кунем, аз Ӯ меёбем, чунки аҳкоми Ӯро риоят
мекунем ва он чи ба ҳузури Ӯ мақбул аст, ба амал меоварем+.
23 Ва ҳукми Ӯ ин аст, ки мо ба исми Писари Ӯ Исои Масеҳ имон
оварем ва якдигарро дӯст дорем, чунон ки Ӯ ба мо ҳукм кардааст+.
24 Ва касе ки аҳкоми Ӯро нигоҳ медорад, вай дар Ӯ сокин аст, ва Ӯ
дар вай. Ва ин ки Ӯ дар мо сокин аст, аз он Рӯҳе медонем, ки Ӯ ба мо
ато намудааст+.

## Рӯҳи ростӣ ва рӯҳи иштибоҳро чӣ гуна бояд шинохт.

**4** 1 Эй маҳбубон! Ба ҳар рӯҳ эътимод накунед, балки рӯҳҳоро
имтиҳон кунед, ки оё аз Худо ҳастанд, чунки бисьёр анбиёи козиб
ба сар то сари дуньё рафтаанд+.
2 Рӯҳи Худоро шумо ин тавр ҳоҳед шиноҳт: ҳар рӯҳе ки зътироф
кунад, ки Исои Масеҳ ба ҳасби ҷисм омад, аз Худост,+
3 Ва ҳар рӯҳе ки инкор кунад, ки Исои Масеҳ ба ҳасби ҷисм омад,
аз Худо нест, балки рӯҳи зиддимасеҳ аст, ки дар бораи он шумо
шунидаед, ки он меояд, ва он акнун дар ҷаҳон аст+.
4 Шумо, эй фарзандон, аз Худо ҳастед, ва онҳоро мағлуб кардаед,
зеро Ӯ, ки дар шумост, аз он ки дар ҷаҳон аст, бузургтар аст.
5 Онҳо аз ҷаҳон ҳастанд, бинобар ин онҳо ба таври дунёӣ суҳан
меронанд, ва ҷаҳон онҳоро мешунавад+.
6 Мо аз Худо ҳастем: ҳар кӣ Худоро мешиносад, ба мо гӯш
медиҳад; касе ки аз Худо нест, ба мо гӯш намедиҳад. Аз рӯи ҳамин мо
рӯҳи ростӣ ва рӯҳи иштибоҳро мешиносем+.

## Муҳаббате ки Худо ба мо дорад, моро ба муҳаббати бародарӣ ӯҳдадор мекунад.

7 Эй маҳбубон! Якдигарро дӯст бидорем, чунки муҳаббат аз
Худост, ва ҳар кӣ дӯст медорад, аз Худо таваллуд ёфтааст ва Худоро
мешиносад+.
8 Касе ки дӯст намедорад, вай Худоро нашинохтааст, чунки Худо
муҳаббат аст.
9 Муҳаббати Худо ба мо дар он зоҳир шуд, ки Худо Писари ягонаи
Худро ба ҷаҳон фиристод, то ки мо ба воситаи Ӯ ҳаёт ёбем+.
10 Муҳаббат дар ин аст, ки на мо Худоро дӯст доштаем, балки Ӯ
моро дӯст дошт ва Писари Худро барои кафорати гуноҳҳои мо
фиристод+.
11 Эй маҳбубон! Агар Худо моро ин гуна дӯст дошта бошад, мо низ
бояд якдигарро дӯст бидорем.
12 Худоро ҳаргиз касе надидааст: агар мо якдигарро дӯст дорем,
Худо дар мо сокин аст, ва муҳаббати Ӯ дар мо комил аст+.
13 Ин ки мо дар Ӯ сокин ҳастем ва Ӯ дар мо, аз он мешиносем, ки Ӯ
аз Рӯҳи Худ ба мо ато намудааст+.

14 Ва мо дидаем ва шаҳодат медиҳем, ки Падар Писарро фиристод,
то ки Наҷотдиҳандаи ҷаҳон гардад+.
15 Ҳар кӣ эътироф мекунад, ки Исо Писари Худост, Худо дар Ӯ
сокин аст, ва Ӯ дар Худо+.
16 Ва мо муҳаббатеро, ки Худо ба мо дорад, медонем ва ба он
эътимод дорем. Худо муҳаббат аст, ва ҳар кӣ дар муҳаббат сокин аст,
вай дар Худо сокин аст, ва Худо дар вай.
17 Муҳаббат дар мо чунон ба камол расидааст, ки мо дар рӯзи
доварӣ ҷуръат дорем, зеро, чунон ки Ӯ дар ин ҷаҳон ҳаст, ончунон мо
ҳастем+.
18 Дар муҳаббат ҳаросе нест, балки муҳаббати комил ҳаросро
бадар меронад, чунки ҳарос азоб дорад, ва касе ки меҳаросад, дар
муҳаббат комил нест.
19 Мо Ӯро дӯст медорем, чунки аввал Ӯ моро дӯст дошт.
20 Агар касе гӯяд, ки «ман Худоро дӯст медорам», вале аз бародари
худ нафрат кунад, вай дурӯғгӯй аст; зеро касе ки бародари худро, ки
дидааст, дӯст намедорад, чӣ гуна метавонад Худоро, ки надидааст,
дӯст бидорад+?
21 Ва мо аз Ӯ чунин хукме дорем, ки ҳар кӣ Худоро дӯст медорад,
бародари худро низ дӯст бидорад+.

## Имон ба Исои Писари Худо ҷаҳонро мағлуб менамояд.

5 1 Ҳар кӣ имон дорад, ки Исо Масеҳ аст, вай аз Худо таваллуд
ёфтааст, ва ҳар кӣ Волидро дӯст медорад, вай Мавлуди Ӯро низ
дӯст медорад+.
2 Аз ин мо медонем, ки фарзандони Худоро дӯст медорем, ки
Худоро дӯст дорем ва аҳкоми Ӯро риоят кунем+.
3 Зеро муҳаббат ба Худо ҳамин аст, ки мо аҳкоми Ӯро риоят
кунем; ва аҳкоми Ӯ гарон нест,+
4 Зеро ҳар кӣ аз Худо таваллуд ёфтааст, ҷаҳонро мағлуб мекунад;
ва ин ғалабае ки ҷаҳонро мағлуб кардааст, имони мост+.
5 Кист, ки ҷаҳонро мағлуб мекунад, ҷуз касе ки имон дорад, ки
Исо Писари Худост+?

## Касе ки ба Исо имон меоварад, ҳаёти абадӣ дорад.

6 Ӯ Исои Масеҳ аст, ки бо об ва хун ва Рӯҳ омадааст, на танҳо бо об,
балки бо об ва хун; ва Рӯҳ шаҳодат медиҳад, чунки Рӯҳ ростист+.
7 Зеро се ҳастанд, ки дар осмон шаҳодат медиҳанд: Падар, Калом
ва Рӯҳулқудс; ва Ин се як ҳастанд.
8 Ва се ҳастанд, ки дар замин шаҳодат медиҳанд: рӯҳ, об ва хун; ва
ин се мувофиқат мекунанд.
9 Агар мо шаҳодати одамиро қабул кунем, шаҳодати Худо
бузургтар аст, зеро ин шаҳодати Худост, ки Ӯ дар бораи Писари Худ
шаҳодат додааст+.

## Имондор бар ҳасби дуо он чи аз Худо талаб кунад, меёбад.

10 Касе ки ба Писари Худо имон дорад, дар худ шаҳодат дорад; касе
ки ба Худо имон надорад, Ӯро дурӯғгӯ донистааст, зеро ба шаҳодате
ки Худо дар бораи Писари Худ додааст, имон надорад+.
11 Ва ин шаҳодат аз он иборат аст, ки Худо ба мо ҳаёти ҷовидонӣ
ато намудааст, ва ин ҳаёт дар Писари Ӯст+.
12 Касе ки Писарро дорад, ҳаёт дорад, касе ки Писари Худоро
надорад, ҳаёт надорад.
13 Ба шумо, ки ба исми Писари Худо имон доред, инро навиштаам,
то донед, ки шумо ба Писари Худо имон дошта, ҳаёти ҷовидонӣ
доред+.

## Сухани хотимавӣ.

14 Ва ҷуръате ки мо ба ҳузури Ӯ дорем, дар он аст, ки агар мо
мувофиқи иродаи Ӯ чизеро талаб кунем, Ӯ моро мешунавад;+
15 Ва агар донем, ки Ӯ моро дар ҳар чӣ талаб кунем, мешунавад,
онро низ медонем, ки он чи аз Ӯ талаб кардаем, меёбем.
16 Агар касе бародари худро бинад, ки гуноҳе мекунад, ки
анҷомаш мамот нест, бигзор дуо гӯяд, ва Худо Ӯро ҳаёт хоҳад
бахшид: дар бораи онҳое мегӯям, ки анҷоми гуноҳашон мамот нест.
Гуноҳе ҳаст, ки анҷомаш мамот аст: дар бораи чунин гуноҳ
намегӯям, ки дуо гӯед+.
17 Ҳар ноинсофӣ гуноҳ аст, лекин гуноҳест, ки анҷомаш мамот
нест.
18 Мо медонем, ки ҳар кӣ аз Худо таваллуд ёфтааст, гуноҳ
намекунад, балки Писари Худо варо муҳофизат мекунад, ва иблис ба
вай даст намерасонад+.
19 Мо медонем, ки мо аз Худо ҳастем, вале тамоми ҷаҳон дар зери
хукумати иблис аст+.
20 Валекин мо медонем, ки Писари Худо омада, ба мо ҳирад
бахшид, то ки ҳақро дарк кунем, ва мо дар ҳақ, дар Писари Ӯ Исои
Масеҳ ҳастем. Ӯ Худои ҳақиқӣ ва ҳаёти ҷовидонӣ мебошад+.
21 Эй фарзандон! Худро аз бутҳо нигоҳ доред. Омин+.

---

+ 1:1 Луқ. 24:39, Юҳ. 1:14, Юҳ. 20:27, 2 Пет. 1:16

+ 1:2 Юҳ. 1:4, Юҳ. 5:26, Юҳ. 11:25, 1 Юҳ. 5:11, Юҳ. 15:27, Юҳ. 1:1, Юҳ. 1:18

+ 1:3 Юҳ. 17:21, 1 Қӯр. 1:9

+ 1:4 Юҳ. 15:11

+ 1:5 Юҳ. 1:4, Юҳ. 8:12, Яъқ. 1:17

+ 1:6 Юҳ. 12:35, 2 Қӯр. 6:16

+ 1:7 Иш. 2:5, Иш. 60:1, Эфс. 1:7, Ибр. 9:14

+ 1:8 3 Подш. 8:46, 2 Вак. 6:36, Мас. 20:9, Воиз 7:20, Яъқ. 3:2, Рум. 3:23

+ 1:9 Заб. 31:5, Заб. 50:4, Мас. 28:13

+ 1:10 1 Юҳ. 5:10, Юҳ. 5:38, Юҳ. 8:37

+ 2:1 Юҳ. 14:26, Рум. 8:34, Ибр. 7:25

+ 2:2 Юҳ. 1:29, Юҳ. 11:52, 1 Юҳ. 4:10, Рум. 3:25-26

+ 2:3 Юҳ. 14:15, Юҳ. 15:10, 1 Юҳ. 5:3

+ 2:4 Тит. 1:16

+ 2:5 1 Юҳ. 4:12

+ 2:7 Юҳ. 13:34, Иб. 19:18, 2 Юҳ. 1:5

+ 2:8 Юҳ. 13:34, Юҳ. 1:9, Юҳ. 8:12, Рум. 13:12, Эфс. 5:8, 1 Тас. 5:5

+ 2:9 1 Юҳ. 4:20

+ 2:10 Юҳ. 11:10

+ 2:12 Аъм. 10:43, Аъм. 13:38

+ 2:13 Эфс. 6:11, Юҳ. 14:7

+ 2:15 Яъқ. 4:4

+ 2:17 1 Қӯр. 7:31

+ 2:18 Мат. 24:5, 1 Юҳ. 4:3, 2 Юҳ. 1:7, 1 Тим. 4:1, 2 Тим. 3:1

+ 2:19 Так. Шар. 13:13, Аъм. 20:30, 1 Қӯр. 11:19

+ 2:20 Юҳ. 14:26, Юҳ. 16:13, 1 Қӯр. 2:10

+ 2:22 1 Юҳ. 4:3

+ 2:23 Мат. 10:33

+ 2:24 1 Юҳ. 3:11

+ 2:26 Марқ. 13:5, 1 Юҳ. 3:7, Қӯл. 2:8, 2 Тас. 2:3

+ 2:27 Ирм. 31:34, Ибр. 8:11

+ 2:28 1 Юҳ. 3:2, 1 Тас. 2:19

+ 2:29 Мат. 6:1, 3 Юҳ. 1:11

+ 3:1 Юҳ. 3:16, Рум. 5:8, Эфс. 2:4, Мат. 5:9, Юҳ. 1:12, 1 Юҳ. 5:1, Рум. 8:14, Юҳ. 16:3, Юҳ. 17:25

+ 3:2 Рум. 8:15-16, Ғал. 3:26, Эфс. 1:5, Рум. 8:29, 2 Қӯр. 3:18, Фпл. 3:21, Айюб 19:26, Заб. 16:15, 1 Қӯр. 13:12, Ваҳй 22:4

+ 3:3 2 Қӯр. 7:1

+ 3:5 Юҳ. 1:29, Ибр. 9:26, 1 Пет. 2:22, 2 Қӯр. 5:21, Ибр. 4:15

+ 3:6 3 Юҳ. 1:11

+ 3:7 Марқ. 13:5, 1 Юҳ. 2:26, Қӯл. 2:8, 2 Тас. 2:3

+ 3:8 Юҳ. 8:44, Ибр. 2:14

+ 3:9 Заб. 118:3, 1 Юҳ. 5:18

+ 3:10 1 Юҳ. 4:8, 1 Юҳ. 4:20

+ 3:11 Иб. 19:18, Юҳ. 13:34, 1 Юҳ. 1:5, 1 Юҳ. 2:24, 2 Юҳ. 1:5

+ 3:12 Юҳ. 8:44, Ҳас. 4:3-8, Яҳ. 1:11, Ибр. 11:4

+ 3:13 Марқ. 13:13, Юҳ. 7:7, Юҳ. 15:18

+ 3:14 Юҳ. 5:24

+ 3:15 Мат. 5:22, Ваҳй 21:8

+ 3:16 Юҳ. 10:11, Юҳ. 15:13

+ 3:17 Так. Шар. 15:7, Мас. 21:13, Яъқ. 2:15-16

+ 3:18 Яъқ. 1:22, Рум. 2:13

+ 3:21 1 Юҳ. 2:28

+ 3:22 Мат. 7:7-8, Юҳ. 14:13-14

+ 3:23 Юҳ. 6:29

+ 3:24 Юҳ. 6:56, Юҳ. 15:4-5, Рум. 8:9, Рум. 8:16

+ 4:1 1 Қӯр. 14:29, 1 Тас. 5:20-21, Ваҳй 2:2, Так. Шар. 13:1-3, Ирм. 14:14, Ирм. 23:16, Ирм. 29:8, Мат. 7:15, Марқ. 13:22, 2 Пет. 2:1

+ 4:2 Юҳ. 1:14, 1 Тим. 3:16, Ибр. 2:14, 1 Қӯр. 12:3

+ 4:3 1 Юҳ. 2:18, 1 Юҳ. 2:22, 2 Юҳ. 1:7

+ 4:5 Юҳ. 3:31, Юҳ. 8:23, Юҳ. 15:19

+ 4:6 Юҳ. 18:37, Юҳ. 14:17, 1 Тим. 4:1

+ 4:7 1 Қӯр. 13, 1 Юҳ. 3:10-11

+ 4:9 Юҳ. 3:16

+ 4:10 Юҳ. 1:29, 1 Юҳ. 4:10, Юҳ. 3:16, Рум. 5:8

+ 4:12 Хур. 33:20, Юҳ. 1:18, 1 Тим. 6:16, 1 Юҳ. 2:5

+ 4:13 1 Юҳ. 3:24

+ 4:14 Юҳ. 3:17

+ 4:15 Мат. 14:33, 1 Юҳ. 5:5

+ 4:17 1 Юҳ. 2:28, 1 Юҳ. 3:21

+ 4:20 1 Юҳ. 2:9, 1 Юҳ. 3:10

+ 4:21 Иб. 19:18, Мат. 19:19, Мат. 22:39, Марк. 12:31

+ 5:1 Юх. 1:12

+ 5:2 1 Юх. 2:5, 1 Юх. 3:24, 1 Юх. 4:13

+ 5:3 Юх. 14:15, 2 Юх. 1:6, Мат. 11:30

+ 5:4 Юх. 16:33, Эфс. 6:16

+ 5:5 Мат. 14:33, 1 Юх. 4:15

+ 5:6 Юх. 14:17, Юх. 15:26

+ 5:9 Юх. 5:36

+ 5:10 1 Юх. 1:10, Мат. 3:17

+ 5:11 Юх. 1:4, Юх. 5:26, Юх. 11:25, 1 Юх. 1:2

+ 5:13 Юх. 20:31

+ 5:14 Мат. 7:7-8, Юх. 14:13-14, 1 Юх. 3:22

+ 5:16 Мат. 12:31-32, Марк. 3:29, Ибр. 6:4-6, Ибр. 10:26

+ 5:18 Заб. 118:3, 1 Юх. 3:9

+ 5:19 Лук. 4:6, Ғал. 1:4

+ 5:20 Юх. 1:1, Юх. 20:28

+ 5:21 1 Қӯр. 10:7, 1 Қӯр. 10:14

*НОМАИ ДУЮМИ*

# ҲАВВОРИИ МУҚАДДАС ЮҲАННО

## 1

## Ростӣ ва муҳаббат ҷудонашавандаанд.

1
1 Пир — ба ҳотуни баргузида ва фарзандони вай, ки ман онҳоро
дар ростӣ дӯст медорам, ва на танҳо ман, балки низ ҳамаи онҳое
ки ростиро дарк кардаанд,+
2 Ба хотири ростие ки дар мо сокин аст ва то абад бо мо хоҳад буд:
3 Файз, марҳамат ва осоиштагӣ аз ҷониби Худои Падар ва Исои
Масеҳи Худованд, ки Писари Падар аст, дар ростӣ ва муҳаббат бо
шумо бод+.

## Калисо бояд дар ростӣ ва муҳаббат собит бимонад.

4 Ман бағоят хурсанд шудам, ки аз байни фарзандонат касонеро
ёфтам, ки дар ростӣ рафтор мекунанд, ба ҳасби ҳукме ки мо аз Падар
пазируфтаем+.
5 Ва акнун аз ту, эй хотун, хоҳишмандам: на ҳамчун ҳукми тозае
ба ту менависам, балки ҳамонро, ки мо аз ибтидо доштем, ки ба
якдигар муҳаббат дошта бошем+.
6 Ва муҳаббат аз он иборат аст, ки мо бар тибқи аҳкоми Ӯ рафтор
кунем. Ин ҳамон ҳукмест, ки шумо аз ибтидо шунидаед, то ки бар
тибқи он рафтор кунед+.

## Огоҳонидан аз таълимоти козибона.

7 Зеро бисьёр фиребгарон дар дуньё пайдо шудаанд, ки Исои
Масеҳи ба ҳасби ҷисм омадаро эътироф намекунанд: чунин шаҳс
фиребгар ва зиддимасеҳ аст+.
8 Аз худ бохабар бошед, ки мабодо он чиро, ки мо барояш меҳнат
кардаем, барбод диҳед, балки мукофоти комил бигиред+.
9 Ҳар ки аз таълимоти Масеҳ дур мешавад ва дар он сокин нест,
Худо надорад; касе ки дар таълимоти Масеҳ сокин аст, ҳам Падарро
дорад ва ҳам Писарро+.
10 Касе ки назди шумо меояд ва ин таълимотро намеоварад, варо
ба хонаи худ қабул накунед ва ба вай салом надиҳед;+
11 Зеро касе ки ба вай салом диҳад, ба аъмоли шариронаи вай
шарик мешавад.
12 Чизи бисьёре дорам, ки ба шумо бинависам, аммо намехоҳам ба
коғаз бо сиёҳӣ бинависам, балки умедворам, ки назди шумо биёям

ва даҳонакӣ бигӯям, то ки хурсандии мо комил бошад+.
13 Фарзандони хоҳари баргузидаи ту ба ту салом мерасонанд.
Омин.

---

+ 1:1 1 Юҳ. 3:1, Юҳ. 8:32

+ 1:3 1 Тим. 1:2, 2 Тим. 1:2

+ 1:4 3 Юҳ. 1:4

+ 1:5 Иб. 19:18, Юҳ. 13:34, Юҳ. 15:12, 1 Юҳ. 3:11

+ 1:6 Юҳ. 14:15, 1 Юҳ. 5:3

+ 1:7 Юҳ. 1:14, 1 Юҳ. 4:2, 1 Тим. 3:16, Ибр. 2:14, 1 Юҳ. 2:18, 1 Юҳ. 4:3

+ 1:8 1 Қӯр. 3:8

+ 1:9 1 Юҳ. 2:23

+ 1:10 Рум. 16:17, 1 Тас. 5:22

+ 1:12 Юҳ. 15:11, Юҳ. 16:24, Юҳ. 17:13, 3 Юҳ. 1:13-14

*НОМАИ СЕЮМИ*

# ҲАВВОРИИ МУҚАДДАС ЮҲАННО

## 1

## Дар ростӣ рафтор кардан шодмонии бузург аст.

1 ¹ Пир — ба Ғоюси маҳбуб, ки ӯро ман дар ростӣ дӯст медорам+.
² Эй маҳбуб! Дуо мегӯям, ки ту саломат бошӣ ва дар ҳар чиз
комьёб шавӣ, чунон ки ҷони ту комьёб аст.
³ Зеро ки ман бағоят хурсанд шудам, вақте ки бародарон омада,
дар бораи ростии ту шаҳодат доданд, чунон ки ту дар ростӣ рафтор
мекунӣ.
⁴ Барои ман хурсандии бештаре нест аз шунидани он ки
фарзандони ман дар ростӣ рафтор мекунанд+.

## Пазироии меҳмоннавозонаи бародарони мусофир.

⁵ Эй маҳбуб! Дар ҳар коре ки барои бародарон, ҳатто барои
ғарибон мекунӣ, рафтори ту амин аст+.
⁶ Онҳо ба ҳузури калисо дар бораи муҳаббати ту шаҳодат додаанд;
ва ту рафтори хубе мекунӣ, агар онҳоро гусел намоӣ, чунон ки ба
ҳузури Худо шоиста аст,
⁷ Зеро ки онҳо ба хотири исми Ӯ сафар кардаанд, дар ҳолате ки аз
халқҳо кӯмак нагирифтаанд.
⁸ Пас мо бояд чунин касонро дастгирӣ намоем, то ки дар кори
ростӣ шарик шавем+.

## Касе ки некӣ мекунад, аз Худост, ва касе ки бадӣ мекунад, Худоро надидааст.

⁹ Ман ба калисо навиштам, аммо Диютрифас, ки калониро дар
миёни онҳо дӯст медорад, моро қабул намекунад.
¹⁰ Бинобар ин, агар биёям, корҳоеро, ки ӯ мекунад, ҳотирнишон
ҳоҳам кард: ӯ дар ҳаққи мо суханони бад ба забон меронад, ва бо ин
ҳам қонеъ нашуда, худаш бародаронро қабул намекунад ва ба касоне
ки мехоҳанд, монеъ мешавад ва аз калисо бадар меронад.
¹¹ Эй маҳбуб! Ба бадӣ тақлид накун, балки ба некӣ. Касе ки некӣ
мекунад, аз Худост; ва касе ки бадӣ мекунад, Худоро надидааст+.
¹² Дар бораи Димитриюс ҳама ва худи ростӣ низ ба некии ӯ
шаҳодат додааст; мо ҳам шаҳодат медиҳем, ва шумо медонед, ки
шаҳодати мо рост аст+.

[13] Чизи бисьёре доштам, ки бинависам, валекин намехоҳам ба ту
бо сиёҳӣ ва қалам бинависам,+
[14] Балки умедворам, ки ба қарибӣ туро бубинам, ва даҳонакӣ
гуфтугузор кунем.
[15] Осоиштагӣ бар ту бод. Дӯстон ба ту салом мерасонанд. Ба дӯстон
ном ба ном салом бирасон. Омин.

---

+ 1:1 1 Юҳ. 3:18, 2 Юҳ. 1:1

+ 1:4 2 Юҳ. 1:4

+ 1:5 Ғал. 6:10, Ибр. 13:1

+ 1:8 1 Тим. 5:18

+ 1:11 Заб. 33:15, Заб. 36:27, Иш. 1:16-17, 1 Юҳ. 2:29, 1 Юҳ. 3:6

+ 1:12 Юҳ. 21:24

+ 1:13 2 Юҳ. 1:12

*НОМАИ*

# ҲАВВОРИИ МУҚАДДАС ЯҲУДО

## 1

## Даъватшудагон дар Худои Падар тақдис ёфтаанд ва дар Исои Масеҳ маҳфузанд.

1 [1] Яҳудо, ки бандаи Исои Масеҳ ва бародари Яъқуб аст, ба
даъватшудагоне ки дар Худои Падар тақдис ёфтаанд ва дар Исои
Масеҳ маҳфузанд:+
[2] Марҳамат ва осоиштагӣ ва муҳаббат бар шумо фаровон бод+.

## Доварии Худо бар муаллимони козиби фосид.

[3] Эй маҳбубон! Азбаски ҷидду ҷаҳди комил дорам ба шумо дар
бораи наҷоти муштараки мо бинависам, зарур донистам ба шумо
насиҳате нависам, то шумо дар роҳи имоне ки як бор ба муқаддасон
супурда шуд, ҷадал намоед+.
[4] Зеро баъзе касон пинҳонӣ даромадаанд, ки аз қадим ба ин
маҳкумият таъин шуда буданд, ва ин осиён файзи Худои моро ба
фисқу фуҷур табдил медиҳанд ва Парвардигори ягона ва Исои
Масеҳи Худованди моро инкор мекунанд+.
[5] Ман он чиро, ки медонед, мехоҳам ба шумо хотиррасон намоям,
ки агарчи Худованд қавмро аз замини Миср халос кард, баъд
беимононро ба ҳалокат расонд,+
[6] Ва фариштаҳоеро, ки мартабаи худро маҳфуз надоштанд, балки
манзили худро тарк карданд, дар қайду банди абадӣ, дар зулмот,
барои доварии рӯзи бузург нигоҳ дошт;+
[7] Ҳамчунин Садӯм ва Амӯро ва шаҳрҳои атрофашон, ки ба ҳамин
тарз ба зино дода шуда, аз паи инҳирофоти дигар афтода буданд,
гирифтори ҷазои оташи абадӣ гардида, ҳамчун тимсол муқаррар
карда шуданд+.
[8] Ба ҳамин тарз ин гирифторони хобу хаёл ҷисмро палид
месозанд, сардоронро рад мекунанд ва дар ҳаққи олимақомон
бӯҳтон мегӯянд+.
[9] Вақте ки фариштаи муқарраб Микоил бо иблис сухан ронда, дар
бораи ҷасади Мусо баҳс мекард, ҷуръат накард, ки ҳукми
мазамматкунандае ба забон ронад, балки гуфт: «Худованд туро ҷазо
диҳад»+.
[10] Валекин инҳо ба ҳар чизе ки намефаҳманд, бӯҳтон мезананд, ва
бо ҳар чизе ки ҳамчун ҳайвоноти безабон табиатан медонанд, худро

фосид мекунанд+.
11 Вой бар ҳоли онҳо, чунки бо роҳи Қобил рафтаанд, ва мисли
Билъом дар ивази музд тамоман ба иштибоҳ дода шудаанд, ва мисли
Қӯраҳ дар исьён ба ҳалокат расидаанд+.
12 Инҳо олудагие дар зиёфатҳои муҳаббати шумо мебошанд,
ҳангоме ки бо шумо бе ҳаросе айшу ишрат карда, шиками ҳудро
мепарваранд; инҳо абрҳои беобе ҳастанд, ки бо шамол ронда
мешаванд; инҳо дарахтони тирамоҳ ҳастанд, ки бесамар буда, ду
карат мурдаанд ва решакан шудаанд;+
13 Инҳо мавҷҳои пуртуғьёни баҳр ҳастанд, ки кафки расвоиҳои
худро боло мебароваранд; инҳо ситораҳои оворае ҳастанд, ки
барояшон торикии зулмот то абад нигоҳ дошта шудааст+.
14 Ҳанӯх низ, ки баъд аз Одам насли ҳафтум буд, дар бораи инҳо
нубуввват карда гуфтааст: «Инак, Худованд бо беварҳои муқаддасони
Худ омад,+
15 То ки бар ҳама доварӣ кунад ва ҳамаи осиёнро маҳкум намояд
дар тамоми аъмоле ки маъсияташон содир кардааст, ва дар ҳамаи
суханони густохонае ки дар ҳаққи Ӯ гуноҳкорони осӣ ба забон
рондаанд».
16 Инҳо шиквакунандагони аз ҳар чиз норозие ҳастанд, ки бар
тибқи ҳавасҳои худ рафтор мекунанд, суханони дабдабанок мегӯянд
ва барои манфиат тамаллуқ менамоянд+.
17 Аммо шумо, эй маҳбубон, суханонеро ба ҳотир оваред, ки
пештар ҳаввориёни Исои Масеҳи Худованди мо гуфтаанд:+
18 Онҳо ба шумо гуфтаанд, ки дар замони охир масхарабозоне
пайдо хоҳанд шуд, ки бар тибқи ҳавасҳои осиёнаи худ рафтор хоҳанд
кард.
19 Инҳо касоне ҳастанд, ки ҷудоиҳо ба миён меоваранд; инҳо
касони нафсоние ҳастанд, ки рӯҳ надоранд+.
20 Валекин шумо, эй маҳбубон, худро бо имони бағоят
муқаддасатон обод кунед, ва дар Рӯҳулқудс дуо гуфта,+
21 Худро дар муҳаббати Худо нигоҳ доред ва марҳамати Исои
Масеҳи Худованди моро, ки ҳаёти ҷовидонӣ меоварад, мунтазир
бошед+.
22 Ба баъзе касон, ки шубҳа мекунанд, мушфиқ бошед;

23 Баъзеи дигарро бо ваҳм наҷот дода, аз оташ берун оваред; бо
ваҳм раҳм карда, ҳатто аз либосе ки бо ҷисм палид шудааст, нафрат
намоед+.

## Ҷалол додани Худо.

24 Ва Ӯро, ки қодир аст шуморо аз фурӯ ғалтидан нигоҳ дорад ва
дар шодӣ беайб ба ҳузури ҷалоли Худ биистонад,+
25 Яъне Худои ҳакими якто ва Наҷотдиҳандаи моро, ба воситаи
Исои Масеҳи Худованди мо, ҷалол ва шавкат, қудрат ва салтанат бод
аз азал ва дар замони ҳозира ва то абад. Омин.

---

+ 1:1 Аъм. 12:17, Яъқ. 1:1, Мат. 13:55

+ 1:2 Дон. 3:31, 1 Пет. 1:2, 2 Пет. 1:2

+ 1:3 1 Тим. 6:12, 2 Тим. 4:7

+ 1:4 2 Пет. 2:1

+ 1:5 Ад. 14:36-37, Ад. 26:64, 2 Пет. 1:12, Ибр. 3:17

+ 1:6 2 Пет. 2:4

+ 1:7 2 Пет. 2:6, Ҳас. 18:20, Ҳас. 19:24, Так. Шар. 29:23, Мат. 25:41

+ 1:8 2 Пет. 2:10

+ 1:9 Дон. 10:13, Дон. 12:1, 1 Тас. 4:16, Ваҳй 12:7, Так. Шар. 34:6, Зак. 3:2

+ 1:10 2 Пет. 2:12

+ 1:11 Ҳас. 4:3-8, 1 Юҳ. 3:12, Ибр. 11:4, Ад. 22:5, Ад. 25:1-2, Ад. 31:16, Так. Шар. 23:3-6, 2 Пет. 2:15, Ад. 16:31-35

+ 1:12 2 Пет. 2:17, Мат. 15:13

+ 1:13 Иш. 57:20

+ 1:14 Ҳас. 5:21-24, Так. Шар. 33:2, Дон. 7:10, Зак. 14:5, Аъм. 7:53, Ғал. 3:19, 1 Тас. 3:13, Ибр. 12:22

+ 1:16 2 Пет. 2:10

+ 1:17 2 Пет. 3:2-3

+ 1:19 Рум. 8:9

+ 1:20 Эфс. 6:18

+ 1:21 2 Пет. 3:12

+ 1:23 Ом. 4:11, Зак. 3:2, Ваҳй 3:4

+ 1:24 Фпл. 2:15, Қӯл. 1:22, 1 Пет. 4:11, Рум. 11:36, Ваҳй 1:6, Ваҳй 5:13

*НОМАИ*

*ҲАВВОРИИ МУҚАДДАС ПАВЛУС*

# БА РУМИЁН

1 2 3 4 5 6 7 8 9 10

11 12 13 14 15 16

## Павлуси ҳаввори̅ калисои Румро табрик менамояд.

1 [1] Павлус, бандаи Исои Масеҳ, ҳаввории даъватшуда ва барои
башорати Худо интихобгардида,
[2] Ки онро Худо пештар, ба воситаи анбиёи Худ, дар Навиштаҳои
муқаддас ваъда карда буд+
[3] Дар бораи Писари Худ, ки ба ҳасби ҷисм аз насли Довуд таваллуд
шудааст,+
[4] Ва ба ҳасби рӯҳи қудсият, ба воситаи эҳьё шуданаш аз мурдагон,
чун Писари Худо маълум шудааст, яъне дар бораи Худованди мо
Исои Масеҳ,
[5] Ки ба воситаи Ӯ мо файз ва ҳаввориятро пайдо кардаем, то ки ба
хотири исми Ӯ ҳамаи халқҳоро ба итоати имон дароварем,+
[6] Ки дар миёни онҳо шумо низ даъватшудагони Исои Масеҳ
ҳастед, —
[7] Ба ҳамаи маҳбубони Худо, ки дар Рум ҳастед ва ба муқаддаси̅
даъват шудаед, аз ҷониби Падари мо Худо ва Исои Масеҳи Худованд
файз ва осоиштаги̅ бар шумо бод+.

## Хоҳиши ҳаввори̅ ба рафта дидани калисои Рум.

[8] Пеш аз ҳама ба Худои ҳуд ба воситаи Исои Масеҳ барои ҳамаи
шумо шукр мегӯям, ки имони шумо дар тамоми ҷаҳон шӯҳрат
ёфтааст;+
[9] Худое ки Ӯро дар башорати Писари Ӯ бо рӯҳи ҳуд ибодат
мекунам, маро шоҳид аст, ки муттасил шуморо ба ёд меоварам+
[10] Ва ҳамеша дар дуоҳои худ илтимос мекунам, ки иродаи Худо
ягон вақт ба ман мусоидат намояд, ки назди шумо биёям+.
[11] Зеро ки хеле орзуманди дидани шумо мебошам, то ки як атои
рӯҳоние, барои устувор шуданатон, ба шумо тақдим намоям,
[12] Яъне бо якҷоягии шумо аз имони умумиамон, аз имони шумо
ва худам, тасалли̅ ёбам.
[13] Эй бародарон, намехоҳам бехабар бошед аз ин ки дафъаи бисьёр
ният доштам назди шумо биёям, — лекин то кунун ҷизе ба ман
монеъ мешуд, — то ки дар миёни шумо низ, монанди халқҳои дигар,
самаре ҳосил кунам+.

14 Ман нисбат ба юнониён ва варвариён, нисбат ба оқилон ва
ҷоҳилон, дайне ба гардан дорам;+
15 Пас, роғиби онам, ки ба шумо низ, ки дар Рум ҳастед, башорат
диҳам.

## Эътирофи ҳавворӣ дар бораи башорати Масеҳ.

16 Зеро ки башорати Масеҳро ба худ ор намедонам, чунки он —
қуввати Худост барои наҷоти ҳар як имондор: ҳам, аввалан, яҳудӣ ва
ҳам юнонӣ+.
17 Зеро ки адолати Худо дар он аз имон ба имон зоҳир мешавад,
чунон ки навишта шудааст: «Одил ба василаи имон хоҳад зист»+.

## Ҳамаи одамон ба наҷот эҳтиёҷ доранд.

## Гуноҳи халқҳо ва доварии Худо бар онҳо.

18 Зеро ки ғазаби Худо аз осмон зоҳир мешавад бар ҳар гуна
маъсият ва шарорати одамоне ки ростиро бо шарорат поймол
мекунанд+.
19 Зеро ки он чи дар бораи Худо донистан мумкин аст, ба онҳо
маълум аст, чунки Худо ба онҳо маълум кардааст;+
20 Зеро ки моҳияти нонамоёни Ӯ, яъне қуввати ҷовидонӣ ва
Илоҳияти Ӯ, аз хилқати олам ба воситаи дидани офаридаҳояш ба
назар намоён аст, бинобар ин онҳо ҳеҷ узре надоранд+.
21 Агарчи онҳо Худоро шиноҳта бошанд, Ӯро чун Худо ситоиш
накарданд ва шукр нагуфтанд, балки хаёлоти онҳо ботил, ва дили
бефаросаташон тира шуд:+
22 Бо вуҷуди он ки худашонро оқил номиданд, ақли худро гум
карда,+
23 Ҷалоли Худои бефаноро ба сурате табдил доданд, ки ба одами
фонӣ, ба мургон, чорпоён ва хазандагон монанд аст,+
24 Бинобар ин Худо онҳоро бо нафси шаҳвониашон ба нопокӣ
гирифтор кард, ба тавре ки онҳо баданҳои худро бо ҳамдигар нангин
карданд;+
25 Онҳо ростии Худоро ба дурӯғ иваз карданд ва парастишу ибодат
карданд махлуқро ба ҷои Холиқе ки то абад муборак аст, омин+.
26 Аз ин сабаб Худо онҳоро ба ҳавасҳои нангин гирифтор кард:
занони онҳо ҷимои табииро ба ҷимои ғайритабиӣ иваз карданд;+

27 Ҳамчунин мардон ҷимоъи табииро бо занон тарк карда, оташи
шаҳваташон ба якдигар баланд шуд, ва мард бо мард ба кирдори
нангин машғул шуда, сазои иштибоҳи худро дар вуҷуди худашон
диданд+.
28 Ва азбаски онҳо Худоро бо ақли худ шиноҳтан нахостанд, Худо
онҳоро ба афкори фосид гирифтор кард, то ки корҳои носазо кунанд,
29 Бинобар ин онҳо аз ҳар гуна кизб, зино, макр, тамаъ ва кина,
ҳамчунин аз ҳасад, қатл, ҷидол, фиреб ва бадхӯӣ пур ҳастанд,
30 Бадгап, тӯҳматчӣ, худобадбин, дилозор, худсито, мағрур ва
бадандеш ҳастанд, ба падару модарон итоат намекунанд,
31 Беандеша, аҳдшикан, беилтифот, бадкина ва бераҳманд+.
32 Агарчи доварии Худоро медонанд, ки кунандагони чунин корҳо
сазовори марганд, бо вуҷуди ин на фақат худашон ин корҳоро
мекунанд, балки кунандагони дигарро низ таҳсин менамоянд+.

## Гуноҳи яҳудиён ва ғазаби Худо бар онҳо.

2 [1] Бинобар ин ту, эй одами маҳкумкунанда, ҳар кӣ бошӣ ҳам,
узре надорӣ, чунки дигареро маҳкум карда, худатро маҳкум
менамоӣ, зеро ки ту, эй маҳкумкунанда, айни ҳамон корҳоро содир
мекунӣ+.
[2] Лекин мо медонем, ки доварии Худо бар кунандагони чунин
корҳо барҳақ аст.
[3] Наҳод ки ту, эй одамизод, гумон мекунӣ, ки бо маҳкум кардани
кунандагони чунин корҳо ту аз доварии Худо халос хоҳӣ шуд, дар
сурате ки худат айни ҳамон корҳоро содир менамоӣ?
[4] Ё ки ту ба фаровонии меҳрубонӣ, ҳилм ва пурсабрии Ӯ
беэътиноӣ мекунӣ, бехабар аз он ки меҳрубонии Худо туро ба роҳи
тавба ҳидоят менамояд+?
[5] Аммо, аз боиси саркашӣ ва дили тавбанопазири худ, ту ғазабро
барои худ дар рӯзи ғазаб ва зуҳури доварии ҳаққонии Худо афзун
мегардонӣ,+
[6] Ки Ӯ ба ҳар кас мувофиқи аъмоли вай подош хоҳад дод:+
[7] Ба онҳое ки доим кори нек карда, толиби ҷалол, шараф ва
ҷовидӣ мешаванд, ҳаёти ҷовидонӣ хоҳад дод;
[8] Вале онҳоеро, ки саркашӣ карда, ростиро рад менамоянд, ва
мутеи норостӣ мешаванд, ба хашму ғазаб гирифтор хоҳад кард.
[9] Андӯҳу фалокат ояд бар ҷони ҳар одаме ки кори бад мекунад:
ҳам, аввалан, бар ҷони яҳудӣ ва ҳам бар ҷони юнонӣ!+
[10] Лекин ҷалол, шараф ва осоиштагӣ ояд ба ҳар касе ки кори нек
мекунад: ҳам, аввалан, ба яҳудӣ ва ҳам ба юнонӣ!+

## Шариат ва хатна наҷот намедиҳанд.

[11] Зеро ки Худо рӯйбинӣ надорад+.
[12] Онҳое ки дорои шариат набуда, гуноҳ кардаанд, берун аз шариат
низ ҳалок хоҳанд шуд; вале онҳое ки дорои шариат буда, гуноҳ
кардаанд, аз рӯи шариат маҳкум хоҳанд шуд, —+
[13] Чунки на шунавандагони шариат пеши Худо одиланд, балки
иҷрокунандагони шариат сафед карда хоҳанд шуд;+
[14] Зеро, ҳар гоҳ халқҳое ки шариат надоранд, табиатан
фармудаҳон шариатро ба ҷо меоваранд, онҳо шариат надошта

бошанд ҳам, худашон барои худ шариат ҳастанд:
[15] Рафторашон нишон медиҳад, ки амали шариат дар дилашон
навишта шудааст; виҷдон ва афкорашон низ, ки якдигарро гоҳе
айбдор ва гоҳе сафед мекунанд, дар ин бобат гувоҳӣ медиҳанд, —+
[16] Дар ҳамон рӯзе ки Худо, ба ҳасби башорати ман, асрори
одамонро ба воситаи Исои Масеҳ доварӣ хоҳад кард.
[17] Инак, ту яҳудӣ ном дорӣ, ва ба шариат такья мекунӣ, ва аз
шинохтани Худо меболӣ+.
[18] Ва иродаи Ӯро медонӣ, ва азбаски шариатро омӯхтаӣ, фарқи
байни неку бадро мефаҳмӣ,
[19] Ва яқин дорӣ, ки ту роҳнамои кӯрон, нуре барои бошандагони
зулмот,+
[20] Носеҳи ҷоҳилон ва муаллими кӯдакон ҳастӣ, ва дар шариат
намунаи маърифат ва ростиро дорӣ, —
[21] Пас, чӣ гуна ту, ки дигаронро таълим медиҳӣ, ҳудатро таълим
намедиҳӣ+?
[22] Ваъз мегӯӣ, ки дуздӣ набояд кард, вале ҳудат дуздӣ мекунӣ!
Мегӯӣ, ки «зинокорӣ накун», вале худат зинокорӣ мекунӣ! Аз бутҳо
нафрат дорӣ, вале маъбадҳоро ғорат мекунӣ!+
[23] Бо шариат меболӣ, вале шариатро вайрон карда, обрӯи Худоро
мерезонӣ!
[24] Зеро ки ба туфайли шумо, чунон ки навишта шудааст, дар
миёни халқҳо исми Худоро хор медоранд+.
[25] Хатна фоиданок аст, ба шарте ки шариатро риоя кунӣ; аммо
агар шариатро вайрон кунӣ, махтунии ту ба номахтунӣ мубаддал
шуд+.
[26] Пас, агар номахтуне фармудаҳои шариатро риоя кунад, оё
номахтунии вай махтунӣ шумурда намешавад+?
[27] Ва номахтуни табиӣ, ки шариатро ба ҷо меоварад, оё туро
маҳкум намекунад, ки дорои Навиштаҳо ва хатна ҳастию шариатро
вайрон мекунӣ+?
[28] Зеро яҳудӣ на он кас аст, ки аз рӯи қиёфати зоҳирӣ чунин
бошад, ва хатна на он чиз аст, ки бар ҷисм намоён бошад,+
[29] Балки яҳудӣ он кас аст, ки дар ботин чунин бошад, ва хатна он
чиз аст, ки дар дил ба ҳасби рӯҳ, на ин ки ба ҳасби ҳарф, ҷо дошта

бошад; ва ҳамди чунин одам на аз ҷониби одамон, балки аз ҷониби Худост+.

## Худо дар доварии худ амин ва одил аст.

3 [1] Пас, яҳудӣ чӣ бартарӣ дорад, ё ки хатна чӣ фоида дорад+?
[2] Бартарии бузурге аз ҳар ҷиҳат, ва пеш аз ҳама аз он ҷиҳат, ки
ба дасташон каломи Худо супурда шудааст+.
[3] Зеро ки чӣ гӯем? Агар баъзеашон бевафо бошанд, оё бевафогии
онҳо вафои Худоро ботил мекунад+?
[4] Ба ҳеҷ ваҷҳ. Балки Худо барҳақ аст, агарчи ҳар одам козиб бошад,
чунон ки навишта шудааст:
«То ки Ту дар суханони Худ ҳақ баро̄й
ва дар доварии Худ ғолиб оӣ»+.
[5] Лекин агар шарорати мо адолати Худоро зоҳир мекарда бошад,
чӣ гӯем? Оё Худо, ҳангоме ки ба ғазаб меояд, бендолат аст? — Инро
ман ба таври муҳокимаронии одамӣ мегӯям.
[6] Ба ҳеҷ ваҷҳ. Зеро ки дар он сурат Худо чӣ тавр метавонад оламро
доварӣ кунад?
[7] Зеро ки агар ба воситаи дурӯғи ман ростии Худо барои ҷалоли Ӯ
афзун мешуда бошад, пас чаро ман боз ҳамчун гуноҳкоре маҳкум
мешавам+?
[8] Ва чӣ гуна баъзеҳо ба мо бӯҳтон зада, даъво мекунанд, ки гӯё мо
мегуфта бошем: «Биёед, бадӣ кунем, то ки некӣ ҳосил шавад»?
Маҳкумияти чунин касон ҳаққонист+.

## Ба гуноҳ гирифтор будани ҳамаи одамон.

[9] Пас чӣ гӯем? Оё мо бартарӣ дорем? Не, надорем, зеро ки мо
аллакай исбот кардем, ки ҳам яҳудиён ва ҳам юнониён, ҳама
гирифтори гуноҳ ҳастанд,+
[10] Чунон ки навишта шудааст:
«Касе одил нест, як нафар ҳам нест;
[11] Касе соҳибфаҳм нест; касе толиби Худо нест;
[12] Ҳама гумроҳ шудаанд, аз як сар ношоянд: некӯкоре нест, як
нафар ҳам нест+.
[13] Гулӯяшон қабри кушода аст; бо забонашон фиреб медиҳанд; бар
лабонашон заҳри мор аст;+
[14] Даҳонашон пур аз ғайбат ва ҳасрат аст+.
[15] Пойҳошон барои хунрезӣ шитобон аст;

[16] Харобкорӣ ва ҳалокат дар роҳҳои онҳост;
[17] Онҳо роҳи сулҳу осоиштагиро намедонанд+.
[18] Дар пеши чашмашон тарси Худо нест»+.
[19] Лекин мо медонем, ки ҳар чи шариат мегӯяд, ба аҳли шариат рӯ
оварда мегӯяд, то ки ҳар даҳоне баста шавад ва тамоми олам пеши
Худо айбдор гардад,
[20] Чунки бо аъмоли шариат ҳеҷ одаме пеши Ӯ сафед нахоҳад шуд;
зеро ки гуноҳ ба воситаи шариат дониста мешавад+.

## Гуноҳкор фақат ба хотири Масеҳ ба воситаи имон сафед мешавад.

[21] Аммо алҳол, сарфи назар аз шариат, адолати Худо зоҳир
шудааст, ки Таврот ва анбиё бар он шаҳодат медиҳанд, —+
[22] Адолати Худо ба воситаи имон ба Исои Масеҳ барои ҳамаи
имондорон; зеро ки ҳеҷ тафовуте нест,
[23] Чунки ҳама гуноҳ карда, аз ҷалоли Худо маҳрум шудаанд+
[24] Ва ройгон, бо файзи Ӯ, ба воситаи кафорате ки дар Исои Масеҳ
аст, сафед карда мешаванд,+
[25] Ки Ӯро Худо пешниҳод кард, то ки дар Хуни Ӯ ба воситаи имон
кафорате бошад, барои нишон додани адолати Ӯ дар омурзиши
гуноҳҳое ки пештар, дар замони пурсабрии Худо содир шудаанд,+
[26] Ва барои нишон додани адолати Ӯ дар замони ҳозира, то ки Ӯ
одил бошад ва ҳар киро, ки ба Исо имон меоварад, сафед кунад.
[27] Пас, куҷост он чи боиси болидан бошад? Он тамоман аз байн
рафтааст. Ба кадом шариат? Оё ба шариати аъмол? Не, балки ба
шариати имон+.
[28] Зеро мо эътироф менамоем, ки одамизод, сарфи назар аз
аъмоли шариат, ба воситаи имон сафед мешавад+.
[29] Ё ки Худо фақат Худои яҳудиён аст? Магар Худои халқҳо ҳам
нест? Албатта, Худои халқҳо ҳам мебошад;+
[30] Чунки Худо ягона аст, ва Ӯ махтунонро аз рӯи имон ва
номахтунонро ба воситаи имон сафед мекунад+.
[31] Пас, оё мо шариатро ба воситаи имон ботил мекунем? Ба ҳеҷ
ваҷҳ, балки шариатро устувор мегардонем+.

## Иброҳим ба воситаи имон сафед шудааст.

4 [1] Пас, фаразан, падари мо Иброҳим ба ҳасби ҷисм чӣ чизе
пайдо кард?
[2] Агар Иброҳим бо аъмоли худ сафед шуда бошад, ӯ шоёни таъриф
аст, аммо на дар пеши Худо.
[3] Зеро ки дар Навиштаҳо чӣ гуфта шудааст? «Иброҳим ба Худо
имон овард, ва ин барои ӯ адолат ҳисоб карда шуд»+.
[4] Барои касе ки амал мекунад, муздаш на аз рӯи эҳсон, балки аз
рӯи ӯҳдадорӣ ҳисоб карда мешавад;

## Худо сарфи назар аз аъмол сафед мекунад.

[5] Лекин барои касе ки амал намекунад, балки имон меоварад ба
Он ки осиёнро сафед мекунад, имонаш адолат ҳисоб карда мешавад+.
[6] Чунон ки Довуд низ одамеро хушбахт меномад, ки Худо ба вай
адолатро сарфи назар аз аъмолаш ато мекунад:+
[7] «Хушо касоне ки ҷиноятҳошон омурзида ва хатоҳошон пӯшида
шудааст;
[8] Хушо касе ки Худованд гуноҳи варо ба ҳисоб намеоварад»+.

## Барои Иброҳим имон пеш аз хатна адолат ҳисоб карда шуд.

[9] Оё ин хушбахтӣ ба махтунон тааллуқ дорад ё ки ба номахтунон
низ? Мо гуфтем, ки барои Иброҳим имонаш адолат ҳисоб карда
шуд+.
[10] Кай ҳисоб карда шуд? Баъд аз хатна ё ки пеш аз хатна? Баъд аз
хатна не, балки пеш аз хатна буд.
[11] Ва аломати хатнаро ӯ, ҳамчун мӯҳри адолат мувофиқи имоне
ки дар ҳолати номахтунии худ дошт, пайдо кард, бинобар ин ӯ
падари ҳамаи имондорони номахтун шуд, то ки ба онҳо низ адолат
ато шавад,+
[12] Ва ҳамчунин падари махтунон шуд, ки онҳо на фақат хатна
шудаанд, балки низ имонеро, ки Иброҳим дар ҳолати номахтунӣ
дошт, пайравӣ мекунанд.

## Иброҳим — падари ҳамаи имондорон.

[13] Зеро ки ба Иброҳим, ё ба наслаш, ваъдаи он ки ӯ вориси ҷаҳон
хоҳад буд, ба воситаи шариат не, балки ба воситаи адолати имон ато

шудааст+.
[14] Зеро ки агар аҳли шариат ворис бошанд, дар он сурат имон пуч
асту ваъда ботил;+
[15] Чунки шариат сабаби ғазаб мешавад, зеро дар ҷое ки шариат
нест, вайронкунии он ҳам нест+.
[16] Бинобар ин мувофиқи имон аст, то ки мувофиқи файз бошад,
барои он ки ваъда ба тамоми насли Иброҳим, на фақат ба насли
мувофиқи шариат, балки ба насли мувофиқи имони ӯ низ таъмин
шавад, ки ӯ падари ҳамаи мост,+
[17] Чунон ки навишта шудааст: «Ман туро падари халқҳои бисьёр
гардондам», — дар пеши Худое ки Иброҳим ба Ӯ имон овард, дар
пеши Худое ки мурдагонро зинда мекунад ва номавҷудро ҳамчун
мавҷуд мехонад+.
[18] Дар сурате ки ҳеҷ умеде набуд, Иброҳим умедвор шуда, имон
овард, то ки падари халқҳои бисьёр шавад, аз рӯи он чи гуфта
шудааст: «Насли ту чунин хоҳад буд»+.
[19] Ва имонаш суст нашуд, ва ба он ҳам назар накард, ки ҷисми ӯ,
дар синни қариб садсолагӣ, аллакай пир шудааст, ва батни Соро низ
аз кор баромадааст;+
[20] Ва ба ваъдаи Худо аз беимонӣ шубҳа накард, балки дар имонаш
устувор истода, Худоро ҳамду сано хонд,
[21] Ва боварии комил дошт, ки Ӯ ба иҷрои ваъдаи Худ низ қодир
аст.

## На танҳо барои Иброҳим, балки низ барои ҳамаи онҳое ки ба Хуни кафорат ва ба эҳьёи Масеҳ имон доранд, имон адолат ҳисоб карда шуд.

[22] Аз ҳамин сабаб барои ӯ адолат ҳисоб карда шуд+.
[23] Аммо на фақат нисбат ба ӯ навишта шудааст, ки барои ӯ ҳисоб
карда шуд,
[24] Вале нисбат ба мо низ: барои мо низ ҳисоб карда хоҳад шуд, ки
имон дорем ба Он ки Худованди мо Исоро аз мурдагон эҳьё кард,+
[25] Ки Ӯ ба сабаби гуноҳҳои мо таслим карда шуд ва аз барои сафед
кардани мо эҳьё гардид+.

## Маънои сафед шудан.

### 1. Сулҳу осоиштагӣ бо Худо ва боварӣ ба наҷоти оянда.

5 [1] Пас, мо бо имон сафед шуда, бо Худо ба воситаи Худованди мо Исои Масеҳ сулҳу осоиштагӣ дорем,+

[2] Ки ба воситаи Ӯ мо бо имон сӯи ин файзе роҳ ёфтаем, ки дар он истодаем ва бо умеди ҷалоли Худо меболем+.

[3] Ва на фақат бо ин, балки бо мусибатҳо низ меболем, зеро медонем, ки мусибат сабрро ба вуҷуд меоварад,+

[4] Ва сабр — ботаҷрибагиро, ва ботаҷрибагӣ — умедро,

[5] Ва умед шарманда намекунад, чунки муҳаббати Худо дар дилҳои мо ба воситаи Рӯҳулқудс, ки ба мо ато шуд, ҷорӣ шудааст+.

[6] Зеро ки Масеҳ, ҳангоме ки мо ҳанӯз суст будем, дар вақти муқарраршуда барои осиён мурд.

[7] Зеро гумон намеравад, ки касе барои одиле бимирад, вале эҳтимол дорад, ки барои ягон некӯкоре касе ба мурдан ҷуръат кунад.

[8] Лекин Худо муҳаббати Худро нисбат ба мо бо ҳамин исбот мекунад, ки ҳангоме ки ҳанӯз гуноҳкор будем, Масеҳ барои мо мурд+.

[9] Пас, алалхусус алҳол, ки бо Хуни Ӯ сафед шудаем, ба воситаи Ӯ аз ғазаб наҷот хоҳем ёфт+.

[10] Зеро ки агар бо Худо, ҳангоми душман будани худ, ба воситаи мамоти Писари Ӯ мусолиҳа карда бошем, — пас, алалхусус баъд аз мусолиҳа кардан, мо ба воситаи ҳаёти Ӯ наҷот хоҳем ёфт;+

[11] Ва на фақат ин, балки низ бо Худо ба воситаи Худованди мо Исои Масеҳ меболем, ки ба василаи Ӯ алҳол мусолиҳа ба даст овардаем.

### 2. Ҳаёт ба воситаи Масеҳ ба ҷои мамот ба воситаи Одам.

[12] Пас, чунон ки ба воситаи як одам гуноҳ ба ҷаҳон доҳил шуд ва бо гуноҳ мамот омад, ончунон низ ба ҳамаи одамон гузашт, чунки ҳама гуноҳ карданд+.

[13] Зеро ки пеш аз шариат ҳам гуноҳ дар ҷаҳон буд, лекин вақте ки шариат нест, гуноҳ ҳисоб карда намешавад+.

[14] Бо ин ҳама, аз Одам то Мусо мамот бар онҳое низ ҳукмрон буд, ки гуноҳе ба монанди гуноҳи Одам накарда буданд, ки ӯ тимсоли

Шахси оянда аст+.
15 Лекин бахшоиши файз на ончунон аст, ки гуноҳ бошад. Зеро ки
агар бо гуноҳи як кас бисьёр касон гирифтори мамот шуда бошанд,
пас, алалхусус файзи Худо ва бахшоиши он барои бисьёр касон ба
василаи файзи як одам, яъне Исои Масеҳ, фаровон мегардад+.
16 Ва бахшоиш на ончунон аст, ки ба воситаи як гуноҳкор бошад;
зеро ки доварӣ пас аз як гуноҳ сабаби маҳкумият мешавад, лекин
бахшоиши файз пас аз гуноҳҳои бисьёр сафед мекунад+.
17 Зеро ки агар бо гуноҳи як кас мамот ба воситаи ҳамин як кас
ҳукмрон шуда бошад, — пас, алалхусус онҳое ки файзи фаровон ва
бахшоиши адолатро қабул мекунанд, дар ҳаёт ба воситаи Исои
Масеҳи ягона хумкрон хоҳанд шуд+.
18 Бинобар ин, чунон ки ба воситаи гуноҳи як кас ҳамаи одамон
маҳкум шуданд, ончунон ба воситаи адолати як кас ҳамаи одамон
барои ҳаёт сафед шуданд+.
19 Зеро, чунон ки ба воситаи беитоатии як кас бисьёр касон
гуноҳкор шуданд, ончунон ба воситаи итоати як кас бисьёр касон
одил мешаванд+.
20 Аммо шариат баъд ба майдон омад, то ки гуноҳ зиёд шавад; ва
ҳангоме ки гуноҳ зиёд шуд, файз бағоят фаровон гардид,+
21 То ки, чунон ки гуноҳ ба воситаи мамот хукмрон шуд, ончунон
файз ҳам ба воситаи адолат барои ҳаёти ҷовидонӣ ба василаи
Худованди мо Исои Масеҳ хукмрон шавад+.

## 3. Озод шудан аз қуввати гуноҳ ва мамот.

6 1 Пас чӣ гӯем? Оё дар гуноҳ бимонем, то ки файз зиёд шавад?
Ба ҳеҷ ваҷҳ.
2 Мо, ки нисбат ба гуноҳ мурдаем, чӣ гуна метавонем дар он боз
зиндагӣ кунем+?
3 Оё намедонед, ки ҳамаи мо, ки дар Исои Масеҳ таъмид ёфтаем,
дар мамоти Ӯ таъмид ёфтаем?
4 Пас мо, дар мамоташ таъмид ёфта, бо Ӯ дафн шудаем, то ки,
чунон ки Масеҳ бо ҷалоли Падар аз мурдагон эҳьё шуд, ончунон мо
низ дар ҳаёти нав қадамгузор шавем+.
5 Зеро ки агар мо дар мисоли мамоти Ӯ бо Ӯ пайванд шуда бошем,
дар мисоли эҳьёи Ӯ низ пайванд хоҳем буд+.
6 Зеро медонем, ки инсони кӯҳнаи мо бо Ӯ маслуб шудааст, то ки
ҷисми пургуноҳ ботил гардад, ва мо дигар бандагони гуноҳ
набошем;+
7 Чунки мурда аз гуноҳ фориғ аст+.
8 Агар мо бо Масеҳ мурда бошем, боварӣ дорем, ки бо Ӯ низ хоҳем
зист+.
9 Зеро медонем, ки чун Масеҳ аз мурдагон эҳьё шуд, дигар
намемирад: мамот дигар бар Ӯ қудрат надорад+.
10 Зеро, ин ки Ӯ мурд, як бор барои ҳамеша нисбат ба гуноҳ мурд,
аммо ин ки зинда аст, барои Худо зинда аст+.
11 Ҳамин тавр шумо низ худро барои гуноҳ кардан мурда, аммо
барои Худо дар Худованди мо Исои Масеҳ зинда ҳисоб кунед.
12 Пас, бигзор гуноҳ дар ҷисми мирандаи шумо ҳукмрон нашавад,
то ки ба ҳавасҳои он итоат намоед;+
13 Ва андоми худро ба гуноҳ насупоред, то ки олати шарорат
шавад, балки худро, ҳамчун касони аз мурдагон зиндашуда, ба Худо
таслим кунед ва андоми худро дар ихтиёри Худо вогузор намоед, то
ки олати адолат бошад+.

## 4. Собит мондан дар мутеӣ, кудсият ва хизматгузории абадӣ ба Худо.

14 Зеро ки гуноҳ дигар набояд бар шумо ҳукмронӣ кунад: шумо,
охир, тобеи шариат не, балки тобеи файз ҳастед.

15 Пас чӣ кунем? Оё гуноҳ кардан гирем ба он сабаб ки тобеи
шариат не, балки тобеи файз ҳастем? Ба ҳеҷ ваҷҳ.
16 Оё намедонед, ки ба ҳар кӣ шумо худро чун бандагон барои
итоат таслим кунед, бандагони ҳамон кас гардида, ба вай мутеъ
мешавед, хоҳ гуноҳе барои мамот бошад, хоҳ итоате барои адолат+?
17 Аммо, Худоро шукр, ки агарчи пештар бандагони гуноҳ будед,
ҳоло аз самими қалб ба ҳамон тарзи таълим мутеъ шудаед, ки худро
ба он таслим кардаед.
18 Ва аз гуноҳ фориғ шуда, бандагони адолат гардидаед+.
19 Ба хотири сустии ҷисматон, ба таври муҳокимаронии одамӣ
мегӯям: чунон ки шумо андоми худро ба бандагии нопокӣ ва
шарорат таслим карда, ба шарорат афтода будед,ончунон ҳоло
андоми худро ба бандагии адолат барои қудсият вогузор намоед.
20 Зеро вақте ки шумо бандагони гуноҳ будед, аз адолат фориғ
будед.
21 Пас он вақт чӣ самаре доштед? Корҳое мекардед, ки ҳоло аз онҳо
шарм доред, чунки анҷоми онҳо мамот аст.
22 Лекин ҳоло, ки аз гуноҳ фориғ шуда, бандагони Худо гардидаед,
самари шумо қудсият аст, ва анҷоми кор ҳаёти ҷовидонист+.
23 Зеро ки музди гуноҳ мамот аст, аммо бахшоиши файзи Худо
ҳаёти ҷовидонист ба воситаи Худованди мо Исои Масеҳ+.

## 5. Озодӣ аз шариат ва халосӣ аз низои байни ҷисм ва рӯҳ.

7 [1] Эй бародарон, магар намедонед, — зеро ба воқифони шариат
сухан мегӯям, — ки шариат бар одамизод дар айёми зиндагии вай
қудрат дорад?
[2] Зеро ки зани шавҳардор мувофиқи шариат ба шавҳари зинда
вобаста аст, ва агар шавҳараш бимирад, вай аз шариати шавҳардорӣ
фориғ мешавад+.
[3] Бинобар ин агар вай дар айёми зиндагии шавҳараш ба марди
дигаре равад, зинокор номида мешавад; лекин агар шавҳараш
бимирад, вай аз шариат фориғ мешавад ва ҳар гоҳ ба марди дигар
бирасад, зинокор ҳисоб намеёбад+.
[4] Шумо низ, эй бародарон, ба воситаи Бадани Масеҳ ба шариат
мурдаед, то ки ба Дигаре, ба Он ки аз мурдагон эҳьё шуд, тааллуқ
дошта бошед, барои он ки мо ба Худо самаре оварем+.
[5] Зеро, вақте ки мо ба ҳасби ҷисм зиндагӣ мекардем, ҳаваси
гуноҳҳое ки ба воситаи шариат ошкор мешуд, дар андоми мо амал
мекард, барои он ки ба мамот самаре оварем;
[6] Лекин ҳоло мо ба шариате ки моро баста буд, мурда, аз он фориғ
шудаем, то ки мувофиқи рӯҳи тоза бандагӣ кунем, на ин ки
мувофиқи ҳарфи кӯҳна+.
[7] Пас чӣ гӯем? Оё шариат бо гуноҳ якест? Ба ҳеҷ ваҷҳ. Лекин ман
гуноҳро маҳз ба воситаи шариат донистаам. Зеро агар шариат
намегуфт, ки «тамаъ накун», ман намедонистам, ки тамаъ чист+.
[8] Аммо гуноҳ, бо баҳонаи ҳукми шариат, дар дили ман ҳар гуна
тамаъро ба вуҷуд овард, зеро ки бе шариат гуноҳ мурда аст+.
[9] Ман як вақте бе шариат зиндагӣ мекардам; аммо вақте ки ҳукми
шариат ба майдон омад, гуноҳ ҷон гирифт,
[10] Ва ман мурдам, ва он ҳукме ки барои ҳаёт дода шуда буд, сабаби
мамоти ман шуд;+
[11] Чунки гуноҳ, бо баҳонаи ҳукми шариат, маро фиреб дод ва ба
воситаи он кушт.
[12] Бинобар ин шариат муқаддас аст, ҳукми он низ муқаддас,
барҳақ ва нек аст+.
[13] Пас, оё чизи нек барои ман сабаби мамот шуд? Ба ҳеҷ ваҷҳ.
Балки гуноҳ сабаби он шуд: барои он ки вай ҳамчун гуноҳ зоҳир

шавад, ба воситаи чизи нек ба ман мамот овард, то ки гуноҳ ба
воситаи ҳукми шариат ниҳоятдараҷа азим гардад.
[14] Зеро мо медонем, ки шариат рӯҳонӣ мебошад, вале ман
нафсонӣ ҳастам ва ба гуноҳ фурӯхта шудаам.
[15] Ман, охир, он чи мекунам, намефаҳмам; чунки он чи мехоҳам,
намекунам, балки он чи бад мебинам, мекунам+.
[16] Пас модоме ки он чи намехоҳам, мекунам, бо ҳамин эътироф
менамоям, ки шариат нек аст+.
[17] Бинобар ин акнун кунандаи он ман нестам, балки гуноҳест, ки
дар ман вуҷуд дорад.
[18] Зеро медонам, ки дар ман, яъне дар ҷисми ман, чизи нек мавҷуд
нест; чунки майли кардани кори нек дар ман бошад ҳам, ёрои
кардани он надорам+.
[19] Зеро он кори неке ки мехоҳам, намекунам, лекин кори баде ки
намехоҳам, мекунам+.
[20] Пас модоме ки он чи намехоҳам, мекунам, акнун кунандаи он
ман нестам, балки гуноҳест, ки дар ман вуҷуд дорад.
[21] Хуллас, ман чунин қонун пайдо мекунам, ки ҳангоме ки ман
мехоҳам кори нек кунам, аз ман кори бад сар мезанад.
[22] Зеро ки ман ба ҳасби инсони ботинӣ аз шариати Худо лаззат
мебарам,+
[23] Лекин дар андоми худ қонуни дигаре мебинам, ки он ба
муқобили қонуни хиради ман меҷангад ва маро асири он қонуни
гуноҳ мегардонад, ки дар андоми ман мавҷуд аст+.
[24] Вой бар ҳоли ман, ки шахси мискин ҳастам! Кӣ маро аз ин
ҷисми гирифтори мамот раҳоӣ медиҳад?
[25] Худоро ба воситаи Худованди мо Исои Масеҳ шукр мегӯям. Пас,
ман бо хиради худ шариати Худоро бандагӣ мекунам, вале бо ҷисми
худ қонуни гуноҳро.

## 6. Ҳаёт дар рӯҳ.

8 [1] Пас, ҳеҷ маҳкумияте нест барои онҳое ки дар Исои Масеҳ
ҳастанд ва на ба ҳасби ҷисм, балки ба ҳасби рӯҳ зиндагӣ
мекунанд,
[2] Чунки қонуни рӯҳи ҳаёт дар Исои Масеҳ маро аз қонуни гуноҳ ва
мамот фориғ кардааст+.
[3] Зеро, азбаски шариат бо айби ҷисм суст шуда, ноилоҷ монда буд,
Худо Писари Худро ба сурати ҷисми пургуноҳ ва барои гуноҳ
фиристода, гуноҳро дар ҷисм маҳкум кард,+
[4] То ки аҳкоми одилонаи шариат дар мо, ки на ба ҳасби ҷисм,
балки ба ҳасби рӯҳ зиндагӣ мекунем, ба амал ояд+.
[5] Зеро онҳое ки ба ҳасби ҷисм зиндагӣ мекунанд, дар бораи чизи
ҷисмонӣ фикр меронанд, вале онҳое ки ба ҳасби рӯҳ зиндагӣ
мекунанд, дар бораи чизи рӯҳонӣ фикр меронанд+.
[6] Фикрҳои ҷисмонӣ мамот аст, аммо фикрҳои рӯҳонӣ — ҳаёт ва
сулҳу осоиштагӣ,
[7] Чунки фикрҳои ҷисмонӣ душманӣ ба Худост, зеро ки ба шариати
Худо итоат намекунад ва наметавонад итоат кунад+.
[8] Бинобар ин онҳое ки ба ҳасби ҷисм зиндагӣ мекунанд, ба Худо
писанд афтода наметавонанд.
[9] Лекин шумо на ба ҳасби ҷисм, балки ба ҳасби рӯҳ зиндагӣ
мекунед, агар ҳақиқатан Рӯҳи Худо дар шумо сокин бошад. Аммо
агар касе дорои Рӯҳи Масеҳ набошад, вай аз они Ӯ нест+.
[10] Ва агар Масеҳ дар шумо бошад, ҷисм ба воситаи гуноҳ мурда
аст, вале рӯҳ ба воситаи адолат зинда аст.
[11] Ва агар Рӯҳи Он ки Исоро аз мурдагон эҳьё кард, дар шумо сокин
бошад, Он ки Масеҳро аз мурдагон эҳьё кард, ҷисмҳои мирандаи
шумоpo низ бо Рӯҳи Худ, ки дар шумо сокин аст, зинда хоҳад кард+.
[12] Пас, эй бародарон, мо ӯҳдадори ҷисм нестем, ки ба ҳасби ҷисм
зиндагӣ кунем;
[13] Зеро ки агар шумо ба ҳасби ҷисм зиндагӣ кунед, албатта хоҳед
мурд; аммо агар аъмоли ҷисмониро ба воситаи Рӯҳ бикушед, зинда
хоҳед монд+.

## Касе ки бо файзи Рӯҳулқудс имондор аст, фарзандхондагии Худоро қабул мекунад.

14 Зеро ҳамаи онҳое ки роҳнамояшон Рӯҳи Худост, фарзандони
Худо ҳастанд;+
15 Чунки шумо рӯҳи бандагиро қабул накардаед, ки боз ҳаросон
шавед, балки Рӯҳи фарзандхондагиро қабул кардаед, ки ба Он мо
нидо мекунем: «Эй Або, эй Падар!»+
16 Ҳамон Рӯҳ ба рӯҳи мо шаҳодат медиҳад, ки мо фарзандони Худо
ҳастем+.

## Анҷоми наҷот фарзандхондагии Худост.

## 1. Интизории бесаброна ба ҷалоли оянда.

17 Ва агар фарзандонаш бошем, ворисонаш низ ҳастем: ворисони
Худо ва ҳамирсони Масеҳ ҳастем, агар ҳақиқатан бо Ӯ азобу уқубат
кашем, то ки бо Ӯ низ ҷалол ёбем+.
18 Зеро, ба ақидаи ман, азобу уқубатҳои замони ҳозира назар ба он
ҷалоле ки дар мо зоҳир хоҳад шуд, ҳеҷ аст+.
19 Зеро ки махлуқот бо умед ба зуҳури фарзандони Худо мунтазир
аст,
20 Чунки махлуқот на бо ихтиёри худ, балки ба хотири
мутеъкунандаи худ мутеи оворагӣ шудааст, ба умеди он ки+
21 Худи махлуқот ҳам аз бандагии фано халосӣ ёфта, ба озодии
ҷалоли фарзандони Худо шарик хоҳад шуд.
22 Зеро медонем, ки тамоми махлуқот бо якҷоягӣ то алҳол оҳу
нола мекунад ва азоб мекашад;+
23 Ва на фақат он, балки худи мо низ, ки соҳиби навбари Рӯҳ
ҳастем, дарунакӣ оху нола мекунем ва мунтазири фарзандхондагӣ
ва кафорати ҷисми худ мебошем+.
24 Зеро ки бо умед наҷот ёфтаем. Аммо умед, вақте ки онро
мебинанд, дигар умед нест; зеро ки кас агар чизеро бинад, чаро боз
дар умеди он бошад+?
25 Аммо агар мо дар умеди чизе бошем, ки онро намебинем, бо
сабр мунтазираш мешавем.

## 2. Рӯҳулқудс бо иродаи Худо барои имондорон шафоат мекунад.

[26] Ҳамчунин Рӯҳ низ моро дар нотавониамон тақвият медиҳад;
зеро ки мо намедонем дар чӣ ҳусус ба таври бояду шояд дуо гӯем,
лекин Худи Рӯҳ барои мо бо оҳу нолаҳое шафоат мекунад, ки сухан
аз баёнашон оҷиз аст.
[27] Таҳқиқкунандаи дилҳо аз андешаи Рӯҳ огоҳ аст, чунки Ӯ барои
муқаддасон мувофиқи хости Худо шафоат мекунад+.
[28] Дар баробари ин мо медонем, ки ба дӯстдорони Худо, ки
мувофиқи пешбинии Ӯ даъват шудаанд, ҳама чиз бар нафъашон
ёрдам медиҳад;
[29] Зеро ҳар киро, ки Ӯ пешакӣ шинохтааст, онҳоро низ пешакӣ
муайян кардааст, ки ба сурати Писараш монанд шаванд, то ки Ӯ дар
миёни бародарони бисьёр нахустзода бошад;+
[30] Ва ҳар киро, ки Ӯ пешакӣ муайян кардааст, онҳоро низ даъват
намудааст; ва ҳар киро, ки даъват намудааст, онҳоро низ сафед
кардааст; ва ҳар киро, ки сафед кардааст, онҳоро низ ҷалол додааст+.

## 3. Боварии пур аз ҷалоли фарзандони Худо.

[31] Пас мо ба ин чӣ гӯем? Агар Худо тарафгири мо бошад, зидди мо
кист+?
[32] Он Худое ки Писари Худро дареғ надоштааст, балки Ӯро барои
ҳамаи мо таслим кардааст, чӣ гуна бо якҷоягии Ӯ ҳама чизро ба мо
намебахшад+?
[33] Кӣ баргузидагони Худоро айбдор мекунад? Оё Худое ки
сафедкунанда аст+?
[34] Кӣ маҳкум мекунад? Оё Масеҳе ки мурдааст, вале боз эҳьё
шудааст? Оё Ӯ, ки ба ямини Худо нишастааст? Оё Ӯ, ки дар ҳаққи мо
шафоат мекунад+?
[35] Кӣ моро аз муҳаббати Масеҳ ҷудо мекунад? Оё андӯҳ, ё фалокат,
ё таъқибот, ё гуруснагӣ, ё бараҳнагӣ, ё хатар, ё шамшер+?
[36] Чунон ки навишта шудааст:
«Ба хотири Ту мо ҳар рӯз кушта мешавем,
мисли гӯсфандони забҳ ба шумор меравем»+.

37 Аммо бар ҳамаи ин мо ба воситаи Дӯстдорамон пурра ғолиб
меоем+.
38 Зеро ман мӯътақидам, ки на мамот, на ҳаёт, на фариштагон, на
мабдаъҳо, на қувваҳо, на ҳозира, на оянда,+
39 На баландӣ, на умқ, на ҳар гуна махлуқи дигар моро аз
муҳаббати Худо, ки дар Худованди мо Исои Масеҳ аст, ҷудо карда
наметавонад.

## Роҳҳои мӯъҷизаосои Худо бо Исроил.

## 1. Фарзанди Худо будан ба ваъдаҳои Худо асос меёбад, лекин на ба пайдоиши табиӣ.

9 [1] Дар Масеҳ рост мегӯям, дурӯғ намегӯям, виҷдонам дар
Рӯҳулқудс бо ман шаҳодат медиҳад,+
[2] Ки ғуссаи бузургест барои ман, ва сӯзи дили ман поён надорад:
[3] Зеро ман мехостам, ки ба хотири бародаронам, ки ба ҳасби ҷисм
хешони мананд, худам аз Масеҳ маҳрум шавам+.
[4] Онҳо исроилиёнанд; фарзандхондагӣ ва ҷалол, аҳдҳо ва шариат,
ибодат ва ваъдаҳо ба онҳо тааллуқ доранд;
[5] Ва падарон аз онҳоянд, ва аз онҳо Масеҳ ба ҳасби ҷисм ба ҷаҳон
омадааст, ки Худо бар ҳама ва то абад муборак аст, омин.

## Ваъдаҳои Худо фақат ба Исроили ҳақиқӣ дахл доранд.

[6] Аммо чунин нест, ки каломи Худо аз эътибор соқит шуда бошад.
Зеро на ҳама исроилиянд, ки аз Исроил бошанд,+
[7] Ва на ҳама фарзандони Иброҳиманд, ки наслаш ҳастанд; балки
«насли ту аз Исҳоқ хонда хоҳад шуд»+.
[8] Яъне на ҳамаи фарзандони ҷисм фарзандони Худо ҳастанд;
балки фарзандони ваъда насл ҳисоб меёбанд+.
[9] Зеро ки каломи ваъда чунин аст: «Дар ҳамин вақт хоҳам
баргашт, ва Сороро писаре хоҳад шуд»+.
[10] Ва на фақат ин, балки ба Ривқо низ ҳамин тавр шуд, вақте ки вай
аз яке, яъне аз падарамон Исҳоқ ба як шикам ду писарро ҳомила
буд+.
[11] Зеро ки пеш аз таваллуди онҳо, ки ҳанӯз ҳеҷ амали неке ё баде
накарда буданд, — барои он ки пешбинии Худо дар интихобашон на
аз аъмол, балки аз Даъваткунанда содир шавад, —+
[12] Ба вай гуфта шуд: «Калонӣ ба хурдӣ хизмат кунад»,
[13] Чунон ки навишта шудааст: «Яъқубро Ман дӯст доштам, аммо
Эсовро бад дидам»+.

## 3. Марҳамати Худо ба иродаи муқаддаси Ӯ вобаста аст.

[14] Пас чӣ гӯем? Магар назди Худо беинсофӣ ҳаст? Ба ҳеҷ ваҷҳ+.
[15] Зеро ки Ӯ ба Мусо мегӯяд: «Ҳар киро марҳамат кардан хоҳам,
марҳамат мекунам; ба ҳар кӣ раҳм кардан хоҳам, раҳм мекунам»+.

16 Пас, гап на дар он кас аст, ки майл дорад ва саъю кӯшиш мекунад, балки дар марҳамати Худост.
17 Зеро ки Навиштаҳо ба фиръавн мегӯяд: «Барои он Ман туро ба по гузоштаам, ки қуввати Худро бар ту нишон диҳам, то ки исми Ман дар тамоми ҷаҳон интишор ёбад»+.
18 Пас, Ӯ ҳар киро хоҳад, марҳамат мекунад, ва ҳар киро хоҳад, сангдил мегардонад.
19 Ту ба ман ҳоҳӣ гуфт: «Пас чаро Ӯ боз мазаммат мекунад? Зеро кист, ки ба иродаи Ӯ муқобилат карда тавонад?»+
20 Аммо ту кистӣ, эй одамизод, ки бо Худо баҳсу мунозира мекунӣ? Оё маснӯъ ба сонеъ мегӯяд: «Чаро маро чунин сохтӣ?»+
21 Оё кӯзагар ихтиёр надорад, ки аз айни як гил зарфе барои истеъмолоти олӣ ва зарфи дигаре барои истеъмолоти паст бисозад+?
22 Пас, чӣ ҷои баҳс аст, ки агар Худо, бо мақсади нишон додани ғазаби Худ ва зоҳир сохтани иқтидори Худ, зарфҳои ғазабро, ки барои ҳалокат сохта шудаанд, бо пурсабрии азиме таҳаммул карда бошад,+
23 То ки фаровонии ҷалоли Худро бар зарфҳои марҳамат, ки Ӯ пешакӣ онҳоро барои ҷалол омода кардааст, зоҳир созад.
24 Ва он зарфҳои марҳамат моем, ки Ӯ моро на фақат аз байни яҳудиён, балки аз байни халқҳо ҳам даъват намудааст,+

## 4. Мувофиқи пешгӯиҳои анбиё фақат «бақияи» исроилиёни имондор наҷот хоҳанд ёфт.

25 Чунон ки дар Ҳушаъ низ мегӯяд:
«Онҳоеро, ки қавми Ман нестанд, қавми Худ хоҳам хонд, ва онро, ки маҳбуба нест, маҳбуба хоҳам ҳонд;+
26 Ва дар он ҷое ки ба онҳо гуфта шудааст:
„Шумо қавми Ман нестед,
онҳо фарзандони Худои Ҳай номида хоҳанд шуд“»+.
27 Ва Ишаъё дар бораи Исроил нидо мекунад, ки: «Агар шумораи банӣ-Исроил мисли реги баҳр бошад ҳам, бақияе наҷот хоҳад ёфт;
28 Зеро ки Худованд коре ба итмом мерасонад ва ба зудӣ аз рӯи адолат ҳал мекунад, кори қатъие бар замин анҷом медиҳад»+.
29 Ва чунон ки Ишаъё пешгӯӣ кардааст:

«Агар Худованди лашкарҳо барои мо насле боқӣ намегузошт,
мо мисли Садӯм мешудем ва ба Амӯро монандӣ медоштем»+.

## 5. Гуноҳи Исроил: вай мавъизаро дар бораи сафед шудан бо имон мункир шуд.

30 Пас чӣ гӯем? Халқҳое ки дар паи адолат набуданд, адолат ба
даст оварданд: адолате ки аз имон аст;+
31 Аммо Исроил, ки дар паи шариати адолат буд, ба шариати
адолат нарасид+.
32 Чаро? Чунки онро на дар имон, балки дар аъмол толиб шуданд.
Онҳо ба санги пешпое пешпо хӯрданд,
33 Чунон ки навишта шудааст:
«Инак, дар Сион санги пешпо ва сахраи васваса мегузорам,
ва ҳар кӣ ба Ӯ имон оварад,
хиҷил нахоҳад шуд»+.

## Ҳар кӣ имон оварад ва Худовандро даъват намояд, наҷот хоҳад ёфт.

**10** 1 Эй бародарон! Орзуи дили ман ва дуои ман назди Худо
барои Исроил ин аст, ки онҳо наҷот ёбанд.
2 Зеро дар бораи онҳо шаҳодат медиҳам, ки рашки Худоро доранд,
аммо на аз рӯи фаҳм+.
3 Зеро ки ба адолати Худо сарфаҳм нарафта, адолати худашонро
барқарор карданӣ шуданд ва ба ин сабаб ба адолати Худо итоат
накарданд;+
4 Чунки Масеҳ анҷоми шариат аст барои адолати ҳар касе ки имон
меоварад+.
5 Мусо дар бораи адолате ки аз рӯи шариат аст, чунин менависад:
«Ҳар кӣ онро ба ҷо оварад, ба воситаи он хоҳад зист»+.
6 Аммо адолате ки аз рӯи имон аст, чунин мегӯяд: «Дар дили худ
нагӯ: „Кӣ ба осмон сууд мекунад?“» — барои он ки Масеҳро поён
фурорад+.
7 Ё: «Кӣ ба варта нузул мекунад?» — барои он ки Масеҳро аз
мурдагон боло барорад+.
8 Аммо вай чӣ мегӯяд? «Калом наздики туст, дар даҳони ту ва дар
дили туст», яъне каломи имон, ки мо онро мавъиза мекунем+.
9 Зеро агар ту бо даҳони худ эътироф кунӣ, ки Исо Худованд аст,
ва бо дили худ имон оварӣ, ки Худо Ӯро аз мурдагон эҳьё кард, наҷот
хоҳӣ ёфт;+
10 Чунки одам бо дили худ имон меоварад, ки ин барои адолати
ӯст, ва бо даҳони худ эътироф мекунад, ки ин барои наҷоти ӯст.
11 Зеро Навиштаҳо мегӯяд: «Ҳар кӣ ба Ӯ имон оварад, хиҷил
нахоҳад шуд»+.
12 Ва дар ин бобат ҳеҷ тафовуте дар миёни яҳудиён ва юнониён
нест, зеро ҳама Худованди Ягонае доранд, ки барои ҳамаи онҳое ки
исми Ӯро мехонанд, сарватманд аст+.
13 Зеро «ҳар кӣ исми Худовандро бихонад, наҷот хоҳад ёфт»+.
14 Аммо чӣ гуна онҳо бихонанд Онро, ки ба Ӯ имон наовардаанд?
Чӣ гуна онҳо имон оваранд ба Он ки дар бораи Ӯ чизе нашунидаанд?
Чӣ гуна онҳо бидуни воизон чизе бишнаванд+?

[15] Ва чӣ гуна ба онҳо воизон мавъиза кунанд бе он ки фиристода
шаванд? Чунон ки навишта шудааст: «Чӣ гуна зебост пойҳои онҳое
ки аз сулҳу осоиштагӣ башорат медиҳанд, аз некӣ башорат
медиҳанд!»+
[16] Лекин на ҳама башоратро гӯш карданд. Зеро Ишаъё мегӯяд:
«Худовандо! Кӣ ба ваъзи мо имон овардааст?»+
[17] Пас, имон аз шунидани ваъз аст ва шунидани ваъз ба воситаи
каломи Худост+.
[18] Аммо мегӯям: оё онҳо нашунидаанд? Баръакс:
«Садои онҳо дар тамоми замин паҳн шуд,
ва каломашон то ақсои дунъё расид»+.
[19] Аммо мегӯям: оё Исроил намедонист? Пеш аз ҳама Мусо мегӯяд:
«Ман ба воситаи он чи қавм нест,
рашки шуморо ба вуҷуд хоҳам овард, ба воситаи мардуми бефаҳм
шуморо ба хашм хоҳам овард»+.
[20] Ва Ишаъё далерона мегӯяд:
«Касоне Маро ёфтанд,
ки толиби Ман набуданд,
ба касоне Худро зоҳир сохтам, ки ҷӯёи Ман набуданд».
[21] Аммо дар бораи Исроил Ӯ мегӯяд: «Тамоми рӯз дастҳои Худро
сӯи қавми беитоат ва гарданкаш дароз кардам»+.

## На тамоми Исроил сангдил хоҳад шуд.

**11** 1 Пас, ман мегӯям: магар Худо қавми Худро рад кардааст? Ба
ҳеҷ ваҷҳ. Зеро ки ман ҳам исроилӣ, аз насли Иброҳим, аз сибти
Биньёмин ҳастам+.
2 Худо қавми Худро, ки пешакӣ шинохта буд, рад накардааст. Оё
намедонед, ки Навиштаҳо дар ҳикояти Ильёс чӣ мегӯяд? Чӣ гуна ӯ ба
Худо аз Исроил шикоят карда, мегӯяд:+
3 «Худовандо! Анбиёи Туро онҳо куштанд, қурбонгоҳҳои Туро
вайрон карданд; танҳо ман мондаам, дар қасди ҷони ман низ
мебошанд»+.
4 Аммо Худо ба ӯ чӣ ҷавобе дод? «Хафт ҳазор одамро, ки назди
Баал* зону назадаанд, барои Худ нигоҳ доштаам»+.
5 Ҳамчунин дар замони ҳозира низ, мувофиқи интихоби файз,
бақияе мондааст+.
6 Аммо агар ин мувофиқи файз бошад, пас мувофиқи аъмол нест,
вагар на файз дигар файз нашуда мемонад. Ва агар мувофиқи аъмол
бошад, пас ин дигар файз нест, вагар на амал дигар амал нашуда
мемонад.
7 Пас чӣ гӯем? Исроил он чиро, ки толиб буд, ба даст наовард.
Аммо баргузидагон ба даст оварданд, ва касони боқӣ сангдил
шуданд,+
8 Чунон ки навишта шудааст:
«Худо ба онҳо рӯҳи хоби гаронро дод,
ва чашмоне ки намебинанд,
ва гӯшҳое ки то имрӯз намешунаванд»+.
9 Довуд низ мегӯяд:
«Бигзор суфраи онҳо барои сазояшон ба доме,
капқоне ва тузоқе мубаддал гардад;
10 Бигзор чашмони онҳо хира шавад,
то ки набинанд, ва тахтапушти онҳо абадан хам шавад»+.

## Даъват шудани халқҳо тарғиб аст барои Исроил.

11 Пас, ман мегӯям: оё онҳо то ба дараҷае пешпо хӯрдаанд, ки фурӯ
ғалтанд? Ба ҳеҷ ваҷҳ. Аммо аз пешпохӯрии онҳо ба халқҳо наҷот
омад, то ки рашки онҳоро ба вуҷуд оварад.

12 Ва агар пешпохӯрии онҳо сарвати ҷаҳон ва шикасти онҳо
сарвати халқҳо бошад, камоли онҳо чанд маротиба зиёдтар
фоидабахш хоҳад буд!

## Имондорон набояд мағрур шаванд, балки бо фурӯтанӣ бар ҳасби имон дар меҳрубонии Худо собит бимонанд.

13 Ба шумо, эй халқҳо, мегӯям: ҳамчун ҳаввории халқҳо ман
хизмати худро ситоиш мекунам:+
14 Ба умеди он ки рашки онҳоеро, ки ба ҳасби ҷисм ба ман
наздиканд, ба вуҷуд оварам ва баъзеи онҳоро наҷот диҳам.
15 Зеро, агар радшавии онҳо мусолиҳаи ҷаҳон шуда бошад, пас
қабулшавии онҳо, ба ҷуз эҳьё аз мурдагон, чӣ хоҳад буд+?
16 Агар хамирмоя муқаддас бошад, хамир низ муқаддас аст; ва
агар реша муқаддас бошад, шохаҳо низ муқаддас аст+.

## Огоҳонидани халқҳо аз ҳавобаландӣ.

17 Аммо агар баъзе аз шохаҳо шикаста чудо шуда бошанд, ва ту, ки
зайтуни ёбоӣ будӣ, ба ҷои онҳо пайванд гашта, ба реша ва шираи
зайтун шарик шуда бошӣ, —+
18 Пас назди он шохаҳо мағрур машав; ва агар мағрур шавӣ, бидон,
ки ту решаро нигоҳ надоштаӣ, балки реша туро нигоҳ доштааст.
19 Ту хоҳӣ гуфт: «Шохаҳо шикаста ҷудо шудаанд, то ки ман
пайванд шавам».
20 Бале. Онҳо ба сабаби беимонӣ шикаста ҷудо шудаанд, аммо ту
ба воситаи имон истодагӣ мекунӣ: ғурур макун, балки битарс.
21 Зеро ки агар Худо шохаҳои табииро амон надода бошад, туро
низ амон нахоҳад дод+.
22 Пас, меҳрубонӣ ва сахтгирии Худоро бубин: Ӯ сахтгир аст ба
онҳое ки афтода ҷудо шудаанд, ва меҳрубон аст ба ту, агар дар
меҳрубонии Ӯ бимонӣ; вагар на ту низ бурида хоҳӣ шуд.
23 Лекин онҳо низ, агар дар беимонӣ намонанд, пайванд хоҳанд
шуд, зеро Худо қодир аст, ки онҳоро боз пайванд кунад.
24 Зеро, агар ту аз зайтуни табиатан ёбоӣ бурида шуда, бар хилофи
табиат ба зайтуни хуб пайванд шуда бошӣ, пас алалхусус инҳо, ки
шохаҳои табиӣ ҳастанд, ба зайтуни худ пайванд хоҳанд шуд.

## Наҷоти қатъии Исроил.

[25] Зеро, эй бародарон, ман намехоҳам, ки шумо, худро доно пиндошта, аз чунин сир бехабар монед, ки як қисми Исроил ба сангдилӣ гирифтор шудааст то вақте ки шумораи пурраи ғайрияҳудиён дохил шаванд,

## Бахшоишҳо ва даъвати Худо тағйирнопазир аст, муқаддароти Ӯ ақлнорас ва роҳҳои Ӯ таҳқиқнашаванда аст.

[26] Ва он гоҳ тамоми Исроил наҷот хоҳад ёфт, чунон ки навишта шудааст:
«Аз Сион Раҳокунанда хоҳад омад ва маъсиятро аз Яъқуб дафъ хоҳад кард;+
[27] Ва ин аст аҳди Ман бо онҳо дар замоне
ки гуноҳҳошонро аз миён бардорам».
[28] Ба сабаби Инҷил, онҳо душманонанд ба хотири шумо; лекин ба сабаби интихоб, онҳо маҳбубанд ба хотири падарон;+
[29] Зеро ки бахшоишҳо ва даъвати Худо тағйирнопазир аст.
[30] Зеро, чунон ки шумо низ як вақте ба Худо итоат накардед, вале алҳол, ба сабаби беитоатии онҳо, марҳамат ёфтаед, —+
[31] Ҳамчунин онҳо низ ҳоло итоат накарданд, то ки худашон низ ба воситаи ҳамон марҳамате ки шумо ёфтаед, марҳамат ёбанд.
[32] Зеро ки Худо ҳамаро ба беитоатӣ дучор овардааст, то ки ҳамаро марҳамат кунад.

## Ҷалол додани роҳҳои мӯъҷизаосои Худо.

[33] Зиҳӣ умқи сарват ва ҳикмат ва маърифати Худо! Чӣ қадар ақлнорас аст доварии Ӯ ва таҳқиқнопазир аст роҳҳои Ӯ!+
[34] Зеро кист, ки афкори Худовандро дарк карда бошад? Ё кист, ки мушовири Ӯ шуда бошад+?
[35] Ё кист, ки ба Ӯ пешакӣ чизе дода бошад, то ки подошашро ба вай баргардонад+?
[36] Зеро ки ҳама чиз аз Ӯст, ба воситаи Ӯст ва барои Ӯст. Ӯро то абад ҷалол бод. Омин+.

## Ҳаёти имондорон хизматгузорӣ ба Худост.

# 12

[1] Пас, шуморо, эй бародарон, ба марҳамати Худо даъват
менамоям, ки ҷисмҳои худро ҳамчун қурбонии зинда,
муқаддас ва писандидаи Худо тақдим кунед: ибодати оқилонаи
шумо ҳамин хоҳад буд;+
[2] Худро ба ин дунъё ҳамшакл насозед, балки ба воситаи таҷдиди
ақлатон шакли тозае ба худ бигиред, то дарк кунед, ки иродаи нек,
писандида ва комили Худо чист+.

## Бахшоишҳои файзи Худо дар хизматгузорӣ ба калисост.

[3] Зеро ба ҳасби файзе ки ба ман ато шудааст, ба ҳар яке аз шумо
мегӯям: дар ҳаққи худатон бештар аз он чи шоён аст, фикр накунед,
балки хоксорона, ба андозаи имоне ки Худо ба ҳар кас насиб
кардааст, фикр ронед+.
[4] Зеро, чунон ки дар як бадан андоми бисьёре дорем, лекин на
ҳамаи андомҳо айни як корро ба ҷо меоваранд,+
[5] Ҳамчунин мо, ки бисьёрем, як баданро дар Масеҳ ташкил
мекунем, аммо ҳар яке ба танҳоӣ андоми якдигарем;+
[6] Ва ба ҳасби файзе ки ба мо дода шудааст, атоҳои гуногун дорем:
агар атои нубувват дошта бошӣ, ба андозаи имон нубувват кун;+
[7] Агар атои хизмат дошта бошӣ, бо хизматгузорӣ машғул шав; агар
касе муаллим бошад, бо таълим машғул шавад;+
[8] Агар касе воиз бошад, бо мавъиза машғул шавад; ҳар кӣ
бахшанда аст, бо саховат бахшиш диҳад; ҳар кӣ сардор аст, бо ҷидду
ҷаҳд сардорӣ кунад; ҳар кӣ эҳсонкор аст, бо меҳрубонӣ некӣ кунад+.

## Мушоракати бародарӣ.

[9] Муҳаббати шумо бигзор бе риёкорӣ бошад; аз бадӣ нафрат
кунед, ба некӣ бичаспед;+
[10] Якдигарро бо муҳаббати бародарӣ дӯст доред; ва ҳар яке каси
дигарро зиёдтар сазовори эҳтиром ҳисоб кунед;+
[11] Ҷидду ҷаҳдро суст накунед; рӯҳи пурҳарорат дошта бошед;
Худовандро бандагӣ намоед.
[12] Аз умедворӣ тасаллӣ ёбед; дар мусибат пуртоқат бошед; ҳамеша
дуо гӯед+.

[13] Дар рафъи эҳтиёҷоти муқаддасон иштирок кунед; дар меҳмоннавозӣ бикӯшед+.
[14] Баракат бихоҳед барои онҳое ки шуморо таъқиб мекунанд: баракат бихоҳед, вале лаънат нахонед+.
[15] Бо шодикунандагон шодӣ кунед, бо гирьякунандагон гирья кунед+.
[16] Бо якдигар ҳамфикр бошед; ҳавобаландӣ накунед, балки бо ҳакирон муошират намоед; худро доно мапиндоред+.

## Муҳаббати масеҳӣ бадиро бо некӣ мағлуб мекунад.

[17] Ба ҳеҷ кас дар ивази бадӣ, бадӣ накунед; пеши тамоми мардум дар паи некӣ бошед+.
[18] Ба қадри имкон, то ҳадде ки ба шумо вобаста аст, бо ҳамаи одамон мувосо кунед+.
[19] Эй маҳбубон, интиқоми худро нагиред, балки ба ғазаби илоҳӣ вогузор кунед; зеро ки навишта шудааст: «Интиқом аз ҷониби Ман аст, Ман сазо хоҳам дод, мегӯяд Худованд»+.
[20] Пас, агар душманат гурусна бошад, шикамашро сер кун; агар ташна бошад, ба ӯ об деҳ; зеро ки бо чунин рафторат бар сари ӯ оташпораҳо фурӯ хоҳӣ рехт+.
[21] Ба бадӣ мағлуб нашав, балки бадиро бо некӣ мағлуб кун.

## Имондор ва ҳукуматдорон.

13 1 Ҳар шахс бояд ба ҳокимиятҳои боло итоат кунад; зеро ҳеҷ
ҳокимияте нест, ки аз Худо набошад, ва ҳокимиятҳои мавҷуда
аз ҷониби Худо барқарор шудаанд+.
2 Бинобар ин ҳар кӣ ба ҳокимият муқобилат кунад, бар зидди
амри Худо исьён кардааст; ва исьёнгарон гирифтори маҳкумият
хоҳанд шуд.
3 Зеро ки ҳокимон на барои некӯкорон, балки барои бадкорон
хавфноканд. Оё мехоҳӣ аз ҳокимият тарсе надошта бошӣ? Корҳои
нек кун, ва сазовори таърифи вай хоҳӣ шуд;
4 Чунки вай хизматгори Худост бар нафъи ту. Аммо агар корҳои
бад кунӣ, битарс; зеро ки вай шамшерро беҳуда бардошта
нагаштааст: вай хизматгори Худост ва бо ғазаб аз бадкорон интиқом
мегирад+.
5 Бинобар ин на фақат аз тарси ҷазо, балки низ аз рӯи виҷдон
итоат кардан лозим аст.
6 Ба ҳамин сабаб шумо андоз ҳам медиҳед; зеро онҳо мулозимони
Худо ҳастанд, ки доим бо ин кор машғуланд.

## Имондор ба ёри ӯ.

7 Пас, ба ҳар кас он чиро, ки бар зиммаи шумо дайн аст, адо кунед:
андозро — ба касе ки андоз меситонад; хироҷро — ба касе ки хироҷ
мегирад; тарсро — ба касе ки лоиқи тарс аст; иззатро — ба касе ки
шоистаи иззат аст+.
8 Аз касе чизе қарздор нашавед, ҷуз қарзи муҳаббат нисбат ба
якдигар; зеро ҳар кӣ каси дигарро дӯст медорад, шариатро ба ҷо
овардааст+.
9 Зеро ки аҳкоми: «Зино накун», «Қатл накун», «Дуздӣ накун»,
«Шаҳодати дурӯғ надеҳ», «Тамаъ накун» ва тамоми аҳкоми дигар дар
ҳамин як калом, чунончи: «Ёратро мисли худат дӯст дор» ҷамъбаст
карда шудааст+.
10 Муҳаббат ба ёр бадӣ намекунад; пас, муҳаббат иҷрои пурраи
шариат аст+.

## Ҳаёти имондорон дар интизори ба зудӣ завол ёфтани ҷаҳон.

11 Дар айни ҳол шумо вақтро медонед, ки аллакай соати аз хоб
бедор шуданатон расидааст: зеро ки алҳол наҷоти мо назар ба он
вақте ки имон овардем, наздиктар аст+.
12 Шаб гузашту рӯз наздик омад: пас, биёед, аъмоли зулмотро як сӯ
монему аслиҳаи нурро дар бар кунем+.
13 Мисли он ки рӯзона бошад, боодобона рафтор кунем: на бо
айёшӣ ва мастигарӣ, на бо шаҳватпарастӣ ва фисқу фуҷур, на бо
низоъ ва ҳасад;+
14 Балки Худованди мо Исои Масеҳро дар бар кунед ва дар бораи
ҳавасҳои шаҳвонии ҷисм ғамхорӣ нанамоед+.

## Дар бораи касони сустимон ва қавиимон.

### 1. Дар бораи лутфу марҳамат ба сустиҳои дигарон.

14 [1] Касеро, ки дар имон суст аст, қабул кунед бе он ки дар
бораи ақидаҳо мубоҳиса намоед+.
[2] Яке боварӣ дорад, ки хӯрдани ҳама чиз ҷоиз аст, вале он ки суст
аст, фақат сабзавот мехӯрад+.
[3] Касе ки мехӯрад, набояд он касро, ки намехӯрад, хор шуморад;
ва касе ки намехӯрад, набояд он касро, ки мехӯрад, маҳкум кунад:
чунки Худо ӯро қабул кардааст+.
[4] Ту кистӣ, ки бандаи каси дигарро маҳкум мекунӣ? Пеши оғои
худ ӯ меистад ё меафтад; аммо ба по хоҳад истод, зеро ки Худо қодир
аст ӯро ба по бархезонад+.

### 2. Бигзор ҳар яке дар эътиқоди худ устувор бошад.

[5] Як кас як рӯзро аз рӯзи дигар авло медонад; лекин каси дигар
рӯзҳоро баробар медонад. Бигзор ҳар яке дар эътиқоди худ устувор
бошад+.
[6] Он ки рӯзеро авло медонад, барои Худованд чунин мекунад; ва
он ки рӯзҳоро баробар медонад, барои Худованд чунин мекунад. Он
ки мехӯрад, барои Худованд мехӯрад, зеро ки Худоро шукр мегӯяд.
Ва он ки намехӯрад, барои Худованд намехӯрад ва Худоро шукр
мегӯяд+.
[7] Зеро ки ҳеҷ яке аз мо барои худ зист намекунад, ва ҳеҷ яке барои
худ намемирад+.
[8] Зеро ки агар зист кунем, барои Худованд зист мекунем, ва агар
бимирем, барои Худованд мемирем. Бинобар ин, хоҳ зист кунем, хоҳ
бимирем, ба Худованд тааллуқ дорем+.
[9] Зеро Масеҳ барои он мурд ва аз нав зинда шуд, ки ҳам бар
мурдагон ва ҳам бар зиндагон Худованд бошад+.
[10] Пас чаро ту бародаратро маҳкум мекунӣ? Ё ту низ чаро
бародаратро хор мешуморӣ? Охир, ҳамаи мо пеши курсии доварии
Худо ҳозир хоҳем шуд+.
[11] Зеро ки навишта шудааст:
«Қасам ба ҳаёти Худам, мегӯяд Худованд:
пеши Ман ҳар зонуе хам хоҳад шуд,

ва ҳар забоне Худоро ситоиш хоҳад кард»+.
[12] Пас, ҳар яке аз мо дар бораи худ ба Худо ҳисобот хоҳад дод+.

## 3. Боиси васваса шудан лозим нест.

[13] Пас, якдигарро дигар маҳкум накунем; балки беҳтар аст дар он
хусус муҳокима кунед, ки касе дар сари роҳи бародараш пешпое ё
васвасае нагузорад+.
[14] Ман медонам ва дар Исои Худованд яқин дорам, ки ҳеҷ як чиз ба
худии худ наҷис нест; фақат барои касе ки чизеро наҷис мешуморад,
он наҷис аст+.
[15] Ва агар бародарат аз барои хӯрок озурда шавад, ту дигар аз рӯи
муҳаббат рафтор намекунӣ; бо хӯроки худ он касро, ки Масеҳ барои ӯ
мурдааст, нобуд накун+.
[16] Пас эҳтиёт бошед, ки аз кори неки шумо бадгӯӣ накунанд.
[17] Зеро ки Малакути Худо аз хӯрдан ва нӯшидан иборат нест,
балки адолат, сулху осоиштагӣ ва шодмонӣ дар Рӯҳулқудс аст+.
[18] Ва ҳар кӣ ба ин тариқа Масеҳро бандагӣ мекунад, вай
писандидаи Худо ва мақбули мардум аст.
[19] Пас, дар роҳи сулҳу осоиштагӣ ва тақвияти якдигар саъю кӯшиш
кунем+.
[20] Аз барои хӯрок кори Худоро вайрон накун. Ҳама чиз пок аст,
лекин агар ба сабаби хӯрдан касе ба васваса афтад, ин кор савоб
надорад+.
[21] Беҳтар аст, ки ту гӯшт нахӯрӣ, май нанӯшӣ ва коре накунӣ, ки
боиси пешпо хӯрдан, ё ба васваса афтодан ва ё суст шудани бародарат
мегардида бошад.
[22] Имоне ки ту дорӣ, барои худат, дар пеши Худо дошта бош. Хушо
касе ки худро барои он чи баргузидааст, маҳкум намекунад.
[23] Аммо он ки шубҳа дорад, агар бихӯрад, махкум мегардад, чунки
ин корро аз рӯи имон накард; ва ҳар коре ки мувофиқи имон нест,
гуноҳ аст.

## Ҷалол додани Худо.

[24] Ба Ӯ, ки қодир аст шуморо устувор гардонад ба ҳасби башорати
ман ва мавъизаи Исои Масеҳ, ба ҳасби кашфи он сирре ки аз
замонҳои азалӣ ниҳон буд,+

25 Вале алҳол зоҳир шуда, ба воситаи навиштаҳои анбиё, бо амри
Худои ҷовидонӣ ба ҳамаи халқҳо маълум шудааст, то ки ба итоати
имон дароянд,+
26 Ба Худои ҳакими якто, ба воситаи Исои Масеҳ, то абад ҷалол
бод. Омин+.

## 4. Ҳар яке ба бародараш бар ҳасби намунаи Масеҳ мадад бирасонад.

**15** 1 Ва мо, ки тавоно ҳастем, бояд сустиҳои нотавононро
бардорем ва толиби роҳати худ набошем:+
2 Ҳар яке аз мо бигзор толиби роҳати ёри худ бошад дар он чи бар
нафъи вай ва барои тақвияти вай аст+.
3 Зеро ки Масеҳ низ толиби роҳати Худ набуд, балки, чунон ки
навишта шудааст: «Бадгӯиҳои бадгӯёни Ту бар Ман афтодааст»+.

## Имондороне ки аз байни халқҳо ва яҳудиён ҳастанд, калисои ягонаи Масеҳро ташкил мекунанд.

4 Зеро ҳар он чи пештар навишта шудааст, барои омӯхтани мо
навишта шудааст, то ки мо аз Навиштаҳо сабр ва тасаллӣ пайдо
карда, умедвор бошем+.
5 Ва Худои сабру тасаллӣ бигзор шуморо тақвият диҳад, ки бо
ҳамдигар, мутобиқи Исои Масеҳ, ҳамфикр бошед,+
6 То ки шумо якдилона, бо як забон Худо ва Падари Худованди мо
Исои Масеҳро ҳамду сано гӯед.
7 Пас, якдигарро қабул кунед, чунон ки Масеҳ низ шуморо барои
ҷалоли Худо қабул кардааст.
8 Зеро ман мегӯям, ки Исои Масеҳ, ба хотири ростии Худо, барои
махтунон хизматгузор шуд, то ки ваъдаҳои ба падарон додашударо
ба иҷро расонад,
9 Ва барои он ки халқҳо Худоро ба ҳотири марҳамати Ӯ ҳамду
сано гӯянд, чунон ки навишта шудааст:
«Бинобар ин Туро дар миёни халқҳо ҳамду сано хоҳам гуфт ва исми
Туро тараннум хоҳам кард»+.
10 Ва боз гуфта шудааст:
«Эй халқҳо, бо қавми Ӯ хушнӯд шавед»+.
11 Ва боз:
«Эй ҳамаи халқҳо, Худовандро ситоиш кунед ва,
эй ҳамаи қавмҳо, Ӯро ҳамду сано гӯед»+.
12 Ишаъё низ мегӯяд:
«Решаи Йисой хоҳад омад,

ва Ӯ барои мутеъ кардани халқҳо хоҳад бархост; халқҳо ба Ӯ умед хоҳанд баст»+.
[13] Пас, Худои умед бигзор шуморо дар имонатон аз ҳар гуна шодӣ ва сулҳу осоиштагӣ пур кунад, то ки бо қуввати Рӯҳулқудс умедатон афзун гардад.

## Хотимаи нома:

## 1. Ваколати Павлус барои навиштани ин нома.

[14] Худи ман ҳам, эй бародарон, бар шумо эътимод дорам, ки шумо низ пур аз файз ва саршор аз ҳар гуна дониш мебошед ва якдигарро насиҳат карда метавонед.
[15] Лекин ман каме ҷуръат намуда, ба шумо баъзе чизҳоро гӯё ки хотиррасон кардам, мувофиқи файзе ки Худо ба ман ато фармудааст,
[16] Барои он ки дар миёни халқҳо хизматгузори Исои Масеҳ бошам ва каҳонати башорати Худоро ба ҷо оварам, то ки ҳадияи халқҳо аз Рӯҳулқудс муқаддас гардида, ба Худо мақбул афтад+.
[17] Пас, ман метавонам дар Исои Масеҳ пеши Худо ифтихор намоям;
[18] Зеро ҷуръат намекунам чизе бигӯям ҷуз он чи Масеҳ ба воситаи ман дар бобати мутеъ кардани халқҳо бо сухан ва амал,
[19] Бо қуввати аломоту мӯъҷизот, бо қуввати Рӯҳи Худо ба ҷо овардааст, ба тавре ки ман аз Ерусалим ва гирду атрофаш гирифта то Илурикӯн башорати Масеҳро интишор кардаам,+
[20] Дар айни ҳол ман саъю кӯшиш намудаам на дар он ҷойҳое ки исми Масеҳ машҳур аст, башорат бидиҳам, то ки бар таҳкурсии дигарон бино накунам,+
[21] Балки, чунон ки навишта шудааст:
«Онҳое ки хабари Ӯро наёфтаанд,
хоҳанд дид, ва онҳое ки нашунидаанд,
хоҳанд фаҳмид»+.

## 2. Нақшаи сафар.

[22] Ҳамин чиз буд, ки дафъаи бисьёр ба омадани ман назди шумо монеъ шуд+.
[23] Лекин алҳол, ки маро дар ин кишварҳо дигар коре нест, ва чандин сол боз орзумандам, ки назди шумо биёям,+

[24] Ҳамин ки ба сафари Испония биравам, назди шумо хоҳам омад.
Зеро умедворам, ки ҳангоми гузашта рафтанам бо шумо мулоқот
кунам, ва шумо маро, баъд аз он ки аз дидоратон андаке сер шавам,
ба он ҷо гусел намоед.
[25] Аммо ҳоло ман ба Ерусалим меравам, то ки ба муқаддасон
хизмат кунам;+
[26] Зеро ки аҳли Мақдуния ва Охоия салоҳ донистанд, ки хайроте
барои камбағалони муқаддасони Ерусалим фиристанд+.
[27] Инро салоҳ донистанд, вале нисбат ба онҳо ӯҳдадор ҳам
ҳастанд; зеро, модоме ки халқҳо ба онҳо аз ҷиҳати рӯҳонӣ шарик
шудаанд, бояд ба онҳо аз ҷиҳати маишатӣ низ хизмат кунанд+.
[28] Пас, ин корро анҷом дода ва ин маблағро ба дасти онҳо супурда,
ман бо роҳи кишвари шумо ба Испония хоҳам рафт,
[29] Ва яқин дорам, ки ҳар гоҳ назди шумо биёям, бо баракати
пурраи башорати Масеҳ хоҳам омад.
[30] Пас, эй бародарон, ба хотири Худованди мо Исои Масеҳ ва ба
хотири муҳаббати Рӯҳ аз шумо илтимос дорам, ки ҳамроҳи ман дар
дуоҳои худ барои ман назди Худо ҷидду ҷаҳд намоед,
[31] То ки аз беимонони Яҳудо раҳо шавам, ва хизмати ман дар
Ерусалим мақбули муқаддасон афтад,+
[32] Ва ман, бо хости Худо, бо шодмонӣ назди шумо биёям ва бо
шумо ором ёбам+.
[33] Ва Худои сулҳу осоиштагӣ бо ҳамаи шумоён бод. Омин+.

## 3. Маъруфӣ кардани Фубӣ.

16 [1] Хоҳари мо Фубиро, ки ходимаи калисои Канхария аст, ба
шумо маъруфӣ менамоям,+
[2] То ки вайро ба хотири Худованд, ба тавре ки шоистаи
муқаддасон бошад, қабул кунед ва дар ҳар бобат, ки ба шумо эҳтиёҷ
дошта бошад, ба вай мадад расонед; зеро ки вай ҳам ба бисьёр касон
ва ба худи ман низ мададгор буд+.

## 4. Саломҳо ба имондорон.

[3] Ба Прискила ва Акило, ки ҳамкорони ман дар Исои Масеҳ
буданд, салом гӯед;+
[4] Онҳо ҷони худро барои ман ба хатар андохтаанд, ва аз онҳо на
фақат ман, балки ҳамаи калисоҳои халқҳо низ мамнун ҳастанд;
ҳамчунин ба аҳли калисое ки дар хонаи онҳо ҷамъ мешаванд, салом
гӯед.
[5] Ба маҳбуби ман Апинтус, ки барои Масеҳ навбари Охоия аст,
салом гӯед+.
[6] Ба Марьям, ки барои мо бисьёр меҳнат кардааст, салом гӯед.
[7] Ба хешони ман Андроникӯс ва Юниёс, ки бо ман бандӣ буданд,
салом гӯед; онҳо дар миёни ҳаввориён машҳур ҳастанд ва аз ман
пештар ба Масеҳ имон овардаанд.
[8] Ба Амплиёс, ки дар Худованд маҳбуби ман аст, салом гӯед.
[9] Ба Урбонус, ки дар Масеҳ ҳамкори мост, ва ба Истохис, ки
маҳбуби ман аст, салом гӯед.
[10] Ба Апалис, ки дар Масеҳ озмуда шудааст, салом гӯед. Ба аҳли
байти Аристоблус салом гӯед.
[11] Ба хеши ман Ҳиродиюн салом гӯед. Ба онҳое ки аз аҳли байти
Наркисус ба Худованд имон доранд, салом гӯед.
[12] Ба Труфино ва Трифосо, ки дар кори Худованд фаъол ҳастанд,
салом гӯед. Ба Парсиси маҳбуба, ки дар кори Худованд бисьёр фаъол
аст, салом гӯед.
[13] Ба Руфус, ки баргузидаи Худованд аст, ва ба модари ӯ, ки барои
ман мисли модар аст, салом гӯед+.
[14] Ба Асункритус, Флигӯн, Ҳермос, Патрубос, Ермис ва бародароне
ки бо онҳоянд, салом гӯед.

[15] Ба Филӯлӯгус ва Юлиё, Нирвас ва хоҳараш, ва Ӯлумпос, ва ҳамаи
муқаддасоне ки бо онҳоянд, салом гӯед.
[16] Ба якдигар бо бӯсаи муқаддасона салом гӯед. Ҳамаи калисоҳои
Масеҳ ба шумо салом мегӯянд+.

## 5. Огоҳонидан аз таълимотҳои козибона.

[17] Шуморо, эй бародарон, даъват менамоям, ки аз касоне ки бар
хилофи таълиме ки шумо ёфтаед, дар миён ҷудоӣ ва васваса
меандозанд, эҳтиёт бошед ва аз онҳо канорагирӣ кунед;+
[18] Зеро ки онҳо на ба Худованди мо Исои Масеҳ, балки ба шиками
худ хизмат мекунанд ва бо тамаллуқкорӣ ва суханоройӣ дилҳои
соддалавҳонро фиреб медиҳанд+.
[19] Итоати шумо ба ҳама маълум аст; ва ман аз шумо хурсандам,
лекин орзумандам, ки шумо дар некӣ хирадманд ва дар бадӣ
соддадил бошед+.
[20] Ва Худои сулҳу осоиштагӣ ба зудӣ шайтонро зери пойҳои шумо
сарнагун хоҳад кард. Файзи Худованди мо Исои Масеҳ бо шумо бод!+

## 6. Саломҳо ба ҳамкорон.

[21] Ҳамкорам Тимотиюс ва хешонам Лукюс, Ёсӯн ва Сӯсипатрус ба
шумо салом мегӯянд+.
[22] Ман — Тартиюс низ, ки ин номаро навиштаам, ба шумо дар
Худованд салом мегӯям.
[23] Ғоюс, ки мизбони ман ва тамоми аҳли калисо мебошад, ба шумо
салом мегӯяд. Хазинадори шаҳр Арастус ва бародари мо Квартус ба
шумо салом мегӯянд+.
[24] Файзи Худованди мо Исои Масеҳ бо ҳамаи шумо бод. Омин.

---

* 11:4 **Баал** — бути мардуми қадими Канъон ва Финиқия.

---

+ 1:2 Луқ. 1:69-70, Тит. 1:1-2

+ 1:3 Мат. 1:1

+ 1:5 Аъм. 9:15

+ 1:7 1 Қӯр. 1:2

+ 1:8 Рум. 16:19, Фпл. 1:3, 2 Тим. 1:3, Филем. 1:4

+ 1:9 Рум. 9:1, 2 Қӯр. 1:23, Фпл. 1:8, 1 Тас. 2:5

+ 1:10 Рум. 15:32

+ 1:13 Рум. 15:22-23, 1 Тас. 2:18, Фпл. 4:17

+ 1:14 1 Қӯр. 9:16

+ 1:16 Марқ. 8:38, Фпл. 1:20, Рум. 2:9-10, 1 Қӯр. 1:18

+ 1:17 Рум. 3:21, Ҳаб. 2:4, Ғал. 3:11, Ибр. 10:38

+ 1:18 Эфс. 5:6, Қӯл. 3:6

+ 1:19 Аъм. 14:17, Аъм. 17:24-27

+ 1:20 Заб. 18:2-5

+ 1:21 4 Подш. 17:15, Ирм. 2:5, Эфс. 4:17-18

+ 1:22 Мас. 21:30, Иш. 44:25, 1 Қӯр. 1:20, 1 Қӯр. 3:19

+ 1:23 Хур. 20:4-5, Так. Шар. 4:16-18, Заб. 105:20, Ирм. 2:11, Ҳиз. 8:10

+ 1:24 Заб. 80:13, Ҳиз. 20:25

+ 1:25 Ирм. 10:14

+ 1:26 Қӯл. 3:5

+ 1:27 Иб. 18:22, Иб. 20:13

+ 1:31 2 Тим. 3:2-4

+ 1:32 Рум. 6:21

+ 2:1 2 Подш. 12:5-7, Мат. 7:2, Луқ. 6:37, Юҳ. 8:7

+ 2:4 2 Пет. 3:9, 2 Пет. 3:15, Ваҳй 2:21

+ 2:5 Яъқ. 5:3

+ 2:6 Мас. 24:12

+ 2:9 1 Пет. 4:17, Рум. 1:16, Ҳиз. 18:20

+ 2:10 Иш. 57:19, 1 Пет. 1:7

+ 2:11 Так. Шар. 10:17, Мат. 22:16, Луқ. 20:21, Аъм. 10:34

+ 2:12 1 Қӯр. 9:21

+ 2:13 Луқ. 11:28, Яъқ. 1:22-23

+ 2:15 Ирм. 31:33, Воиз 12:14

+ 2:17 Рум. 3:27, Рум. 9:4-5

+ 2:19 Юҳ. 9:40

+ 2:21 Хур. 20:15, Мат. 23:3

+ 2:22 Хур. 20:14

+ 2:24 Иш. 52:5, Ҳиз. 36:20

+ 2:25 Ғал. 5:3

+ 2:26 Эфс. 2:11

+ 2:27 2 Қӯр. 3:6, Мат. 12:41

+ 2:28 Рум. 9:6-8, 1 Қӯр. 7:19

+ 2:29 Так. Шар. 10:16, Так. Шар. 30:6, Ирм. 4:4, Эфс. 2:11, Фпл. 3:3, Қӯл. 2:11, 2 Қӯр. 10:18

+ 3:1 Юҳ. 4:22

+ 3:2 Так. Шар. 4:8, Заб. 147:9

+ 3:3 Рум. 9:6, 2 Тим. 2:13

+ 3:4 Заб. 50:6

+ 3:7 Рум. 9:19

+ 3:8 Рум. 6:1, Рум. 6:15, 2 Қӯр. 6:8

+ 3:9 Рум. 5:12, Ғал. 3:22, Рум. 1:18-32, Рум. 2

+ 3:12 Заб. 13:1-3, Воиз 7:20

+ 3:13 Заб. 5:10, Заб. 139:4

+ 3:14 Заб. 9:28

+ 3:17 Мас. 1:16, Иш. 59:7-8

+ 3:18 Заб. 35:2

+ 3:20 Заб. 142:2, Аъм. 13:39, Ғал. 2:16, Ғал. 3:11, Рум. 7:7

+ 3:21 Рум. 1:17, Ғал. 2:16, Луқ. 24:27, Аъм. 10:43

+ 3:23 3 Подш. 8:46, 2 Вак. 6:36, Заб. 142:2, Мас. 20:9, Воиз 7:20, 1 Юҳ. 1:8-10

+ 3:24 Тит. 3:7

+ 3:25 Юҳ. 1:29, 1 Юҳ. 2:2, Аъм. 17:30, Рум. 2:4

+ 3:27 Рум. 2:17, 1 Қӯр. 1:29, Эфс. 2:9

+ 3:28 Аъм. 13:39

+ 3:29 Рум. 9:24, Рум. 10:12

+ 3:30 Так. Шар. 6:4-5, Ғал. 3:20, Ғал. 3:8

+ 3:31 Мат. 5:17

+ 4:3 Ҳас. 15:6, Яъқ. 2:23, Ғал. 3:6

+ 4:5 Рум. 3:22

+ 4:6 Заб. 31:1-2

+ 4:8 2 Қӯр. 5:19

+ 4:9 Рум. 3:30

+ 4:11 Ҳас. 15:6, Ҳас. 17:10

+ 4:13 Ҳас. 17:4-6, Ғал. 3:16, Ибр. 7:6

+ 4:14 Ғал. 3:17-18

+ 4:15 1 Қӯр. 15:56, Ғал. 3:10, Рум. 7:7

+ 4:16 Ғал. 3:22

+ 4:17 Ҳас. 17:5, Юҳ. 5:21

+ 4:18 Ҳас. 15:5

+ 4:19 Ҳас. 17:17, Ибр. 11:12, Ҳас. 18:11

+ 4:22 Ҳас. 15:6

+ 4:24 1 Қӯр. 9:9-10, Рум. 10:9

+ 4:25 Мат. 20:28, Ғал. 1:4, 2 Қӯр. 5:21

+ 5:1 Ғал. 3:28

+ 5:2 Рум. 8:17, Эфс. 3:16, Фпл. 3:21

+ 5:3 Мат. 5:11-12, 2 Қӯр. 12:10, Яъқ. 1:3-4

+ 5:5 Аъм. 2:17, Тит. 3:6

+ 5:8 Юҳ. 3:16, 1 Юҳ. 4:10

+ 5:9 Рум. 3:25, Мат. 3:7, 1 Тас. 1:10

+ 5:10 2 Қӯр. 5:18-20, Эфс. 2:16, Қӯл. 1:20-21

+ 5:12 Ҳас. 3:6, Яъқ. 1:15, Рум. 6:23, Рум. 3:9, Эфс. 2:3

+ 5:13 Рум. 3:20

+ 5:14 1 Қӯр. 15:45

+ 5:15 1 Қӯр. 15:21, 2 Қӯр. 5:14

+ 5:16 Иш. 53:11

+ 5:17 Ваҳй 22:5

+ 5:18 Юҳ. 12:32

+ 5:19 Ибр. 5:8

+ 5:20 Ғал. 3:19

+ 5:21 Юҳ. 1:17

+ 6:2 1 Пет. 2:24, Ғал. 2:19, Ғал. 5:24, Қӯл. 2:20, Қӯл. 3:3

+ 6:4 1 Пет. 3:21, Ғал. 3:27, 2 Қӯр. 5:17, Эфс. 4:24, Қӯл. 2:12, Қӯл. 3:10

+ 6:5 2 Қӯр. 4:10, Фпл. 3:10

+ 6:6 Ғал. 2:19-20, Ғал. 5:24, Ғал. 6:14

+ 6:7 1 Пет. 4:1

+ 6:8 2 Тим. 2:11, Ваҳй 20:4

+ 6:9 Рум. 14:9, Ваҳй 1:18

+ 6:10 Ибр. 7:27

+ 6:12 Заб. 18:14

+ 6:13 Қӯл. 3:5, Рум. 12:1

+ 6:16 Юҳ. 8:34

+ 6:18 Юҳ. 8:32, Юҳ. 8:34, Яъқ. 2:12, 1 Пет. 2:16, 1 Қӯр. 7:22, 2 Қӯр. 3:17, Ғал. 5:1

+ 6:22 1 Қӯр. 7:22

+ 6:23 Яъқ. 1:15, Рум. 5:12

+ 7:2 1 Қӯр. 7:39

+ 7:3 Мат. 5:32

+ 7:4 Ғал. 5:22, Эфс. 5:19, Ғал. 2:19, Ғал. 5:18, Эфс. 2:15, Қӯл. 2:14

+ 7:6 Рум. 6:4

+ 7:7 Рум. 3:20, Рум. 4:15, Хур. 20:17

+ 7:8 1 Қӯр. 15:56

+ 7:10 Иб. 18:5

+ 7:12 Так. Шар. 4:8, Заб. 18:8-9

+ 7:15 Ғал. 5:17

+ 7:16 1 Тим. 1:8

+ 7:18 Ҳас. 6:5, Айюб 14:4, Заб. 50:5

+ 7:19 Ғал. 5:17

+ 7:22 Заб. 1:2

+ 7:23 1 Пет. 2:11, Ғал. 5:17

+ 8:2 1 Қӯр. 15:45

+ 8:3 Ибр. 7:18, Фпл. 2:7, Иб. 16:5, 2 Қӯр. 5:21

+ 8:4 Ғал. 5:16, Ғал. 5:25

+ 8:5 Ғал. 5:19-25

+ 8:7 Яъқ. 4:4, 1 Қӯр. 2:14

+ 8:9 1 Қӯр. 3:16, 1 Қӯр. 6:19, 2 Қӯр. 6:16, 1 Юҳ. 3:24, 1 Пет. 1:11, Яҳ. 1:19

+ 8:11 Юҳ. 5:21, Аъм. 2:24

+ 8:13 Қӯл. 3:5, Иб. 18:5

+ 8:14 Так. Шар. 14:1, Мат. 5:9, Юҳ. 1:12, 1 Юҳ. 3:1, 1 Юҳ. 5:1

+ 8:15 2 Тим. 1:7, 1 Қӯр. 2:12

+ 8:16 1 Юҳ. 3:2, Ғал. 3:26, Эфс. 1:5, 1 Юҳ. 3:24, 2 Қӯр. 1:22, Эфс. 1:13

+ 8:17 Ғал. 3:29, Ғал. 4:7, Эфс. 3:6, Тит. 3:7, 2 Қӯр. 1:5, Фпл. 3:10, Қӯл. 1:24, 1 Пет. 5:1, Рум. 5:2, Эфс. 3:16, Фпл. 3:21

+ 8:18 2 Қӯр. 4:17

+ 8:20 Ҳас. 3:17-19, Воиз 1:2

+ 8:22 Ирм. 12:4, Ирм. 12:11

+ 8:23 2 Қӯр. 5:2, Ғал. 5:5

+ 8:24 2 Қӯр. 4:18, Ибр. 11:1

+ 8:27 1 Подш. 16:7, 3 Подш. 8:39, Мас. 21:2, Ирм. 11:20

+ 8:29 Мат. 28:10, Юҳ. 20:17, Қӯл. 1:15, Ибр. 2:11, 1 Юҳ. 3:2, 2 Қӯр. 3:18, Фпл. 3:21

+ 8:30 Юҳ. 17:22

+ 8:31 Ад. 14:9, Заб. 117:6

+ 8:32 Юҳ. 3:16

+ 8:33 Марқ. 13:20, Луқ. 18:7, Қӯл. 3:12, Тит. 1:1, Иш. 50:8

+ 8:34 Заб. 109:1, Марқ. 16:19, Аъм. 7:55-56, 1 Юҳ. 2:1, Рум. 8:34, Ибр. 7:25

+ 8:35 Сур. Сур. 8:6

+ 8:36 Заб. 43:23, 1 Қӯр. 4:9

+ 8:37 Юҳ. 16:33, 1 Қӯр. 15:57

+ 8:38 1 Пет. 3:22, 1 Қӯр. 15:24, Эфс. 1:21

+ 9:1 2 Қӯр. 11:10, 1 Тим. 2:7, Рум. 1:9, Фпл. 1:8

+ 9:3 1 Қӯр. 16:22, Ғал. 1:8

+ 9:6 Рум. 3:3, Юҳ. 1:47, Рум. 2:28

+ 9:7 Ҳас. 21:12, Ибр. 11:17

+ 9:8 Ғал. 4:23, Ғал. 4:28

+ 9:9 Ҳас. 18:10

+ 9:10 Ҳас. 25:21

+ 9:11 Ҳас. 25:23

+ 9:13 Мал. 1:2-3

+ 9:14 Так. Шар. 32:4, Айюб 34:10

+ 9:15 Хур. 33:19

+ 9:17 Хур. 9:16

+ 9:19 2 Вак. 20:6, Рум. 3:7

+ 9:20 Айюб 9:32, Айюб 33:13, Айюб 39:32, Воиз 6:10, Иш. 29:16, Иш. 45:9-10, Ирм. 18:6

+ 9:21 Иш. 64:8, Ирм. 18:6, 2 Тим. 2:20

+ 9:22 Мас. 16:4

+ 9:24 Рум. 3:29

+ 9:25 Ҳуш. 2:23, 1 Пет. 2:10

+ 9:26 Ҳуш. 1:10

+ 9:28 Иш. 10:22-23

+ 9:29 Иш. 1:9

+ 9:30 Ғал. 2:16, Ғал. 3:24

+ 9:31 Ғал. 5:4, Рум. 11:7, Фпл. 3:9

+ 9:33 Иш. 8:14, Иш. 28:16, 1 Пет. 2:6-8, Рум. 10:11

+ 10:2 Аъм. 21:20

+ 10:3 Рум. 1:17, Рум. 3:21

+ 10:4 Мат. 5:17, Ғал. 3:24

+ 10:5 Иб. 18:5, Ғал. 3:12, Фпл. 3:9

+ 10:6 Так. Шар. 9:4, Так. Шар. 30:12

+ 10:7 Ваҳй 9:1

+ 10:8 Так. Шар. 30:12-14

+ 10:9 Мат. 10:32, Луқ. 12:8, Марқ. 16:16, Аъм. 16:31

+ 10:11 Иш. 28:16, 1 Пет. 2:6, Рум. 9:33

+ 10:12 Аъм. 10:34-36, Рум. 3:29

+ 10:13 Юил 2:32, Аъм. 2:21

+ 10:14 Аъм. 8:31

+ 10:15 Иш. 52:7

+ 10:16 Иш. 53:1, Юҳ. 12:38

+ 10:17 Ғал. 3:2

+ 10:18 Заб. 18:5

+ 10:19 Так. Шар. 32:21

+ 10:21 Иш. 65:1-2

+ 11:1 Ирм. 31:37, Ирм. 33:24, 2 Қӯр. 11:22, Фпл. 3:5

+ 11:2 1 Подш. 12:22, Заб. 93:4

+ 11:3 3 Подш. 19:10, 3 Подш. 19:14

+ 11:4 3 Подш. 19:18

+ 11:5 Иш. 10:22, Рум. 9:27

+ 11:7 Рум. 9:31

+ 11:8 Иш. 29:10, Так. Шар. 29:4

+ 11:10 Заб. 68:23-24

+ 11:13 Аъм. 9:15, Рум. 15:16

+ 11:15 Луқ. 15:24, Эфс. 2:1, Эфс. 2:5, Қӯл. 2:13, Ваҳй 3:1

+ 11:16 Ад. 15:18-21, Ҳиз. 44:30

+ 11:17 Ирм. 11:16, Юҳ. 15:5

+ 11:21 1 Қӯр. 10:12

+ 11:26 Иш. 27:9, Иш. 59:20-21

+ 11:28 Так. Шар. 10:15

+ 11:30 Эфс. 2:2, Қӯл. 1:21, Тит. 3:3

+ 11:33 Иш. 28:29, Қӯл. 2:3, Заб. 35:7, Заб. 138:6

+ 11:34 Иш. 40:13, 1 Қӯр. 2:16

+ 11:35 Айюб 35:7, Айюб 41:11

+ 11:36 1 Қӯр. 8:6, Қӯл. 1:16, Ибр. 2:10, 2 Пет. 3:18, Эфс. 3:21

+ 12:1 Рум. 6:13

+ 12:2 Эфс. 5:17, 1 Тас. 4:3, 2 Қӯр. 4:16, Эфс. 4:23

+ 12:3 Эфс. 3:2, Воиз 7:16

+ 12:4 1 Қӯр. 12:12-14, Эфс. 4:16

+ 12:5 1 Қӯр. 10:17, 1 Қӯр. 12:27, Эфс. 4:25

+ 12:6 1 Пет. 4:10, 1 Қӯр. 12:4

+ 12:7 1 Қӯр. 12:5

+ 12:8 1 Тим. 5:17, 2 Қӯр. 9:7

+ 12:9 1 Пет. 1:22, 1 Тим. 1:5, Заб. 96:10, Ом. 5:15

+ 12:10 Юҳ. 13:34, 1 Пет. 1:22, 2 Пет. 1:7, 1 Тас. 4:9, Ибр. 13:1, Фпл. 2:3

+ 12:12 Луқ. 18:1, Луқ. 21:36, Эфс. 6:18, Қӯл. 4:2, 1 Тас. 5:17

+ 12:13 Рум. 15:25, 1 Қӯр. 16:1, 1 Тим. 6:18

+ 12:14 Айюб 31:29-30, Мат. 5:44, 1 Пет. 3:9

+ 12:15 1 Қӯр. 12:26

+ 12:16 1 Пет. 3:8, Фпл. 2:2

+ 12:17 Иб. 19:18, 1 Пет. 3:9, 1 Тас. 5:15

+ 12:18 Марқ. 9:50, 2 Қӯр. 13:11, 1 Тас. 5:13

+ 12:19 Мас. 20:22, Так. Шар. 32:35, Ибр. 10:30

+ 12:20 4 Подш. 6:22, 2 Вак. 28:15, Мас. 25:21-22, Мат. 5:44, Мас. 25:21-22

+ 13:1 1 Пет. 2:13, Тит. 3:1

+ 13:4 1 Пет. 2:14, 2 Вак. 19:6

+ 13:7 1 Пет. 2:17, Мат. 17:27, Мат. 22:21, Марқ. 12:17

+ 13:8 Иб. 19:13, Юҳ. 13:34

+ 13:9 Хур. 20:13-17, Иб. 19:18

+ 13:10 Юҳ. 14:15

+ 13:11 Эфс. 5:14

+ 13:12 Юҳ. 1:9, Юҳ. 8:12, 1 Юҳ. 2:8, Эфс. 5:8, 1 Тас. 5:5, Эфс. 5:11, Эфс. 6:11, 1 Тас. 5:8

+ 13:13 1 Тас. 4:12

+ 13:14 Ғал. 3:27, Яъқ. 4:1, 1 Пет. 2:11, Рум. 7:23, Ғал. 5:16, Ғал. 5:24

+ 14:1 Рум. 15:1, 1 Қўр. 8:9-11, 1 Қўр. 9:22

+ 14:2 Дон. 1:12, 1 Тим. 4:3

+ 14:3 Қўл. 2:16

+ 14:4 Мат. 7:1, Яъқ. 4:11

+ 14:5 Ғал. 4:10, Қўл. 2:16

+ 14:6 Мат. 15:36, 1 Қўр. 10:30-31

+ 14:7 Рум. 6:2, Рум. 6:7, Ғал. 5:24, Қӯл. 3:3

+ 14:8 1 Пет. 4:2, Ғал. 2:20, 2 Қӯр. 5:15, Фпл. 1:20

+ 14:9 1 Тас. 5:10

+ 14:10 Мат. 7:1, Луқ. 6:37, 2 Қӯр. 5:10

+ 14:11 Иш. 49:18, Ирм. 22:24, Иш. 45:23, Фпл. 2:10-11

+ 14:12 Мат. 12:36, Мат. 25:19, Ғал. 6:5

+ 14:13 Мат. 7:1

+ 14:14 Иб. 11:2, Так. Шар. 14:3, Марқ. 7:15-16, Аъм. 10:15, 1 Қӯр. 8:8

+ 14:15 1 Қӯр. 8:11

+ 14:17 Қӯл. 2:16, Ибр. 9:10, Ғал. 5:22

+ 14:19 2 Тим. 2:22

+ 14:20 Тит. 1:15, 1 Қӯр. 8:9-13

+ 14:24 Эфс. 1:9, Қӯл. 1:26

+ 14:25 Қӯл. 4:3-4

+ 14:26 Ях. 1:24-25

+ 15:1 Рум. 14:1, Ғал. 6:2

+ 15:2 Фпл. 2:4-5

+ 15:3 Фпл. 2:5, Фпл. 2:8, Заб. 68:10

+ 15:4 Рум. 4:23-24

+ 15:5 Рум. 12:16

+ 15:9 Рум. 3:29, 2 Подш. 22:50, Заб. 17:50

+ 15:10 Так. Шар. 32:43

+ 15:11 Заб. 116:1

+ 15:12 Иш. 11:10

+ 15:16 Аъм. 9:15, Рум. 11:13

+ 15:19 Аъм. 15:12, 2 Қӯр. 12:12

+ 15:20 1 Қӯр. 3:10-11

+ 15:21 Иш. 52:15

+ 15:22 Рум. 1:13, 1 Тас. 2:18

+ 15:23 Аъм. 19:21

+ 15:25 Аъм. 24:17, 1 Қӯр. 16:3, 2 Қӯр. 9:1

+ 15:26 Аъм. 19:21, 2 Қӯр. 8:4

+ 15:27 1 Қӯр. 9:11

+ 15:31 2 Қӯр. 1:10-11, 2 Тас. 3:2

+ 15:32 Рум. 1:10

+ 15:33 2 Қӯр. 13:11, Фпл. 4:9, 1 Тас. 5:23, 2 Тас. 3:16, Ибр. 13:20

+ 16:1 Аъм. 18:18

+ 16:2 Фпл. 2:29

+ 16:3 Аъм. 18:2, 1 Қӯр. 16:19, 2 Тим. 4:19

+ 16:5 Қӯл. 4:15

+ 16:13 Марқ. 15:21

+ 16:16 1 Пет. 5:14, 1 Қӯр. 16:20, 2 Қӯр. 13:12, 1 Тас. 5:26

+ 16:17 1 Тим. 6:3, 2 Юҳ. 1:10

+ 16:18 2 Пет. 2:3, Қӯл. 2:4

+ 16:19 Рум. 1:8

+ 16:20 Рум. 15:33, Ҳас. 3:15

+ 16:21 Аъм. 16:1

+ 16:23 1 Қӯр. 1:14

*НОМАИ ЯКУМИ*

*ҲАВВОРИИ МУҚАДДАС ПАВЛУС*

# БА ҚӮРИНТИЁН


1 2 3 4 5 6 7 8 9 10

11 12 13 14 15 16

## Имондор файзи Худоро ба воситаи Исо меёбад.

1 [1] Павлус, ки бо иродаи Худо ҳаввории даъватшудаи Исои Масеҳ
аст, ва бародари мо Сӯстинис,
[2] Ба калисои Худо, ки дар Қӯринтӯс воқеъ аст, ба муқаддасони
даъватшуда, ки дар Исои Масеҳ тақдис гардидаанд, бо ҳамаи онҳое
ки дар ҳар ҷо исми Худованди мо Исои Масеҳро мехонанд, ки Ӯ
Худованди онҳо ва Худованди мост, —+
[3] Файз ва осоиштагӣ аз ҷониби Падари мо Худо ва Исои Масеҳи
Худованд бар шумо бод.

## Шукргузорӣ барои файзи Худо, ки ато шудааст.

[4] Худои худро ҳамеша барои шумо шукр мегӯям: барои файзи
Худо, ки ба шумо дар Исои Масеҳ ато шудааст,
[5] Чунки дар Ӯ шумо аз ҳар чиз: аз ҳар сухан ва аз ҳар дониш бой
шудаед,+
[6] Зеро шаҳодати Масеҳ дар шумо барқарор гардидааст,
[7] Ба тавре ки шумо аз ҳеҷ лаёқат норасогӣ надоред, модоме ки
мунтазири зуҳури Худованди мо Исои Масеҳ мебошед,+
[8] Ки Ӯ низ шуморо то ба охир устувор хоҳад кард, то ки дар рӯзи
Худованди мо Исои Масеҳ беайб бошед+.
[9] Амин аст Худое ки шуморо ба ширкати Писари Худ Исои Масеҳи
Худованди мо даъват намудааст+.

## Ба муқобили низоъ дар Қӯринтӯс.

## 1. Ҷудоиҳо дар калисо.

[10] Аз шумо, эй бародарон, ба исми Худованди мо Исои Масеҳ
илтимос мекунам, ки ҳамаатон айни як суханро гӯед, ва дар байни
шумо ҷудоие набошад, балки шумо дар як рӯҳ ва дар як фикр
муттаҳид бошед+.
[11] Зеро ки аз аҳли байти Хлӯо ба ман дар бораи шумо, эй
бародарон, маълум шудааст, ки дар байнатон баҳсу мунозира вуҷуд
дорад+.
[12] Ман онро дар назар дорам, ки ҳар яке аз шумо мегӯяд: «Ман аз
они Павлус ҳастам»; «Ман аз они Апӯллӯс»; «Ман аз они Кифо»; «Ман
аз они Масеҳ»+.

13 Оё Масеҳ аз ҳам ҷудо шудааст? Оё Павлус барои шумо маслуб
гардидааст? Ё ки шумо ба исми Павлус таъмид ёфтаед+?
14 Худоро шукр мегӯям, ки ман ҳеҷ яке аз шуморо, ба ғайр аз
Криспус ва Ғоюс, таъмид надодаам,+
15 То касе нагӯяд, ки ман ӯро ба исми худ таъмид додаам.
16 Ман инчунин аҳли байти Истефанусро таъмид додаам; ҷуз инҳо
дар хотир надорам, ки каси дигареро таъмид дода бошам+.
17 Зеро Масеҳ маро нафиристодааст, ки таъмид диҳам, балки
башорат диҳам, на дар ҳикмати калом, то ки салиби Масеҳ ботил
нашавад+.

## 2. Ҳикмати ҷаҳон ҷаҳолат аст ба ҳузури Худо.

18 Зеро паёми салиб барои гирифторони ҳалокат ҷаҳолат аст, вале
барои мо, ки дар роҳи наҷот ҳастем, қуввати Худост+.
19 Зеро навишта шудааст:
«Ҳикмати ҳакимонро ба ҳалокат хоҳам расонд
ва ақли оқилонро нопадид хоҳам кард»+.
20 Куҷост ҳаким? Куҷост китобдон? Куҷост воизи ин ҷаҳон? Оё
Худо ҳикмати ин ҷаҳонро ба ҷаҳолат табдил надодааст+?
21 Зеро, дар ҳикмати Худо, модоме ки ҷаҳон бо ҳикмати худ
Худоро нашинохт, — Худо салоҳ донист, ки ба воситам ҷаҳолати
мавъиза имондоронро наҷот диҳад.
22 Зеро ки яҳудиён мӯъҷизот металабанд, ва юнониён ҳикмат
меҷӯянд;+
23 Лекин мо Масеҳи маслубшударо мавъиза мекунем, ки барои
яҳудиён васваса ва барои юнониён ҷаҳолат аст,+
24 Аммо барои худи даъватшудагон, чи яҳудиён, чи юнониён,
Масеҳро мавъиза мекунем, ки Ӯ қуввати Худо ва ҳикмати Худост;+
25 Чунки ҷаҳолати Худо аз ҳикмати одамон пурҳикматтар аст, ва
нотавонии Худо аз қуввати одамон тавонотар аст.
26 Зеро, эй бародарон, бингаред, ки шумо, вақте ки даъват шудед,
чӣ будед: бисьёре ба ҳасби ҷисм ҳаким нестед, бисьёре тавоно
нестед, бисьёре наҷиб нестед;
27 Лекин Худо ҷоҳилони ҷаҳонро баргузид, то ки ҳакимонро
шарманда кунад, ва нотавонони ҷаҳонро баргузид, то ки
тавонгаронро шарманда кунад;

28 Ва Худо бекасони ҷаҳон ва ҳақиронро, ва он чиро, ки номавҷуд
аст, баргузид, то ки мавҷудро ботил кунад, —+
29 Барои он ки ҳеҷ ҷисме дар пеши Худо фахр накунад+.
30 Ва аз Ӯ шумо дар Исои Масеҳ ҳастед, ки барои мо ҳикмате аз
ҷониби Худо, яъне адолат ва қудсият ва кафорат шудааст,+
31 То, чунон ки навишта шудааст, «фахркунанда бигзор ба
Худованд фахр кунад»+.

## 3. Мавъизаи оддии ҳаввори̅ дар бораи Салиби Масеҳ.

**2** [1] Ва ҳангоме ки ман, эй бародарон, назди шумо омадам, на бо
фазилати калом ё ҳикмат омадам, то шаҳодати Худоро ба шумо
эълон намоям,+
[2] Зеро ман қарор додам, ки дар миёни шумо, ба ҷуз Исои Масеҳ, он
ҳам Исои Масеҳи маслубшуда, чизе надонам;+
[3] Ва ман дар заъф ва дар тарсу ларзи бузурге назди шумо будам,+
[4] Ва каломү мавъизаи ман на дар суханони исботкоронаи ҳикмати
инсон, балки дар зуҳури рӯҳ ва қувват буд,+
[5] То ки имони шумо на бар ҳикмати инсон, балки бар қуввати
Худо қарор ёбад+.

## 4. Ҳикмати Худо фақат ба воситаи Рӯҳи Худо дониста мешавад.

[6] Аммо дар бораи ҳикмат мо дар миёни комилон сухан меронем,
вале на дар бораи ҳикмати ин ҷаҳон ва мирони ин ҷаҳон, ки фано
хоҳанд шуд,+
[7] Балки дар бораи ҳикмати Худо маҳрамона сухан меронем, дар
бораи ҳикмати ниҳоние ки Худо аз азал барои ҷалоли мо муқаррар
кардааст,+
[8] Ки онро ҳеҷ яке аз мирони ин ҷаҳон надонист; зеро, агар
медонистанд, Худованди ҷалолро маслуб намекарданд+.
[9] Аммо, чунон ки навишта шудааст:
«Он чиро, ки чашме надидааст,
гӯше нашунидааст ва ба дили инсон наомадааст,
Худо барои дӯстдорони Худ муҳайё кардааст»+.
[10] Вале ба мо Худо онро ба воситаи Рӯҳи Худ ошкор сохтааст; зеро
ки Рӯҳ ҳама чизро, ҳатто умқҳои Худоро пай мебарад+.
[11] Зеро кист аз одамон, ки ботини инсонро бидонад, ба ҷуз рӯҳи
инсон, ки дар ӯст? Ҳамчунин он чиро, ки дар Худо ҳаст, ҳеҷ кас
намедонад, ба ҷуз Рӯҳи Худо+.
[12] Лекин мо на рӯҳи ин ҷаҳонро, балки Рӯҳеро қабул кардаем, ки
аз Худост, то он чиро, ки Худо ба мо ато кардааст, бидонем,+
[13] Ва инро на бо суханоне ки ҳикмати инсон таълим додааст,
балки бо суханоне ки Рӯҳулқудс таълим додааст, мегӯем ва рӯҳиётро

бар тибқи рӯҳ таъбир мекунем+.
14 Аммо одами нафсонӣ он чиро, ки аз Рӯҳи Худост, қабул
намекунад, чунки он дар назари ӯ ҷаҳолат аст; ва онро дарк карда
наметавонад, чунки он ҳукми рӯҳониро металабад+.
15 Лекин одами рӯҳонӣ дар бораи ҳама чиз ҳукм мекунад, вале
касе наметавонад дар бораи ӯ дуруст ҳукм кунад.
16 Зеро кист, ки фикри Худовандро дониста бошад, то ки Ӯро
таълим диҳад? Лекин мо фикри Масеҳро дорем+.

## 5. Ҷудоиҳо дар бораи ҳолати ҷисмонӣ шаҳодат медиҳанд.

# 3

1 Ва ман, эй бародарон, натавонистам бо шумо, ҳамчун касони рӯҳонӣ, сухан ронам, балки ҳамчун касони ҷисмонӣ, ё кӯдакон дар Масеҳ.

2 Ва шуморо шир хӯрондам, на ғизои сахт, зеро ки шумо ҳанӯз омодагӣ барои он надоштед ва ҳоло низ надоред,+

3 Чунки шумо ҳанӯз ҷисмонӣ ҳастед. Зеро, модоме ки дар миёни шумо ҳасад, баҳсу мунозира ва ихтилофот ҳаст, оё шумо ҷисмонӣ нестед ва оё ба таври инсонӣ рафтор намекунед+?

4 Зеро, вақте ки яке: «Ман аз они Павлус ҳастам» ва дигаре: «Ман аз они Апӯллӯс» мегӯяд, — оё шумо ҷисмонӣ нестед?

## 6. Муаллимони масеҳӣ хизматгузорони Худо ҳастанд, на хизматгузорони инсонӣ.

5 Пас, Павлус кист? Ва Апӯллӯс кист? Онҳо фақат ходимоне ҳастанд, ки ба воситаи онҳо шумо имон овардаед, ва ҳар яке ба андозае ки Худованд ба вай ато кардааст+.

6 Ман кишт кардам, Апӯллӯс об дод, лекин Худо сабзонид;+

7 Бинобар ки на кишткунанда аҳамияте дорад, на обдиҳанда, балки Худои сабзонанда+.

8 Кишткунанда ва обдиҳанда баробаранд, лекин ҳар яке музди худро мувофиқи меҳнати худ хоҳад гирифт+.

9 Зеро ки мо хизматгорони Худо ҳастем; шумо киштзори Худо, иморати Худо ҳастед+.

10 Аз рӯи файзи Худо, ки ба ман ато шудааст, ман, чун меъмори доно, таҳкурсӣ ниҳодам, ва дигаре бар он иморат месозад; лекин ҳар кас бохабар бошад, ки чӣ гуна месозад+.

11 Зеро ҳеҷ кас таҳкурсии дигаре ниҳода наметавонад, ҷуз он ки ниҳода шудааст, ки он Исои Масеҳ аст+.

12 Ва агар касе бар ин таҳкурсӣ иморате аз тилло, нуқра, ҷавоҳирот, ё чӯб, хасбеда, пахол бино кунад, —

13 Амали ҳар кас зоҳир хоҳад шуд; зеро ки он рӯз* нишон хоҳад дод, чунки дар оташ ошкор хоҳад шуд, ва оташ амали ҳар касро озмоиш хоҳад кард, ки он чӣ гуна аст+.

14 Агар амали касе ки бар он сохтааст, пойдор бимонад, вай музд
хоҳад гирифт;
15 Ва агар амали касе бисӯзад, вай зиён хоҳад дид; валекин худаш
наҷот хоҳад ёфт, аммо тавре ки гӯё аз даруни оташ гузашта бошад+.

## 7. Онҳое ки ба Исо имон доранд, маъбади Худоро ташкил мекунанд.

16 Оё шумо намедонед, ки маъбади Худо ҳастед, ва Рӯҳи Худо дар
шумо сокин аст+?
17 Агар касе маъбади Худоро вайрон кунад, Худо ӯро хонавайрон
хоҳад кард, зеро ки хонаи Худо муқаддас аст, ва он шумо ҳастед+.
18 Зинҳор касе худро фирефта накунад: агар касе аз шумо худро
дар ин ҷаҳон ҳаким медониста бошад, бигзор ҷоҳил шавад, то ки
ҳаким гардад.
19 Зеро ки ҳикмати ин ҷаҳон пеши Худо ҷаҳолат аст, чунон ки
навишта шудааст: «Ҳакимонро ба макри худашон гирифтор
мекунад»+.
20 Ва боз: «Худованд афкори ҳакимонро медонад, ки ботил аст»+.
21 Хуллас, ҳеҷ кас ба одамон фахр накунад, зеро ки ҳамааш аз они
шумост:
22 Хоҳ Павлус, хоҳ Апӯллӯс, хоҳ Кифо, хоҳ ҷаҳон, хоҳ ҳаёт, хоҳ
мамот, хоҳ ҳозира, хоҳ оянда — ҳамааш аз они шумост;
23 Ва шумо аз они Масеҳ ҳастед, ва Масеҳ — аз они Худо+.

## 8. Хизматгузорони Худо фақат ба ҳузури Худо ҷавобгаранд.

**4** 1 Пас, ҳар кас бояд моро ходимони Масеҳ ва муваккалони
асрори Худо ҳисоб кунад;
2 Аз муваккалон талаб карда мешавад, ки ҳар яке амин барояд.
3 Барои ман хеле кам аҳамият дорад, ки шумо, ё одамони дигар,
дар ҳаққи ман чӣ гуна ҳукм мекунед; худи ман ҳам ҳукме дар ҳаққи
худ намекунам.
4 Зеро ки ман дар худ айбе намебинам, лекин бо ин худро сафед
намекунам; ҳукмкунандаи ман Худованд аст+.
5 Бинобар ин ба ҳеҷ ваҷҳ пеш аз вақт, яъне то даме ки Худованд
биёяд, ҳукм накунед, ки маҳз Ӯ чизҳои дар торикӣ пинҳонро равшан
ва ниятҳои дилҳоро ошкор хоҳад кард, ва он гоҳ ҳар кас аз ҷониби
Худо таҳсин хоҳад ёфт+.

## 9. Ба муқобили ҳавобаландии қӯринтиён.

6 Ва инро, эй бародарон, ман ба хотири шумо ба худам ва ба
Апӯллӯс нисбат додам, то шумо аз мо ёд гиред, ки касе бештар аз он
чи навишта шудааст, оқилтарошӣ накунад, ва ҳеҷ яке аз шумо дар
пеши дигаре бо худ наболад+.
7 Зеро кист, ки туро бартарӣ додааст? Ва чӣ чизе дорӣ, ки
нагирифта бошӣ? Ва агар гирифта бошӣ, чаро фахр мекунӣ, ки гӯё
нагирифта бошӣ+?
8 Шумо аллакай сер шудаед, аллакай сарватдор шудаед ва бе мо
салтанат меронед. Кошки салтанат мерондед, то ки мо низ бо шумо
салтанат ронем!+

## Намунаи фурӯтанӣ ва сабурии ҳавворӣ.

9 Зеро гумон мекунам, ки Худо мо, ҳаввориёнро монанди касони
охири саф, ки ба марг маҳкум шудаанд, намоён кардааст, чунки мо
барои ҷаҳон, ҳам барои фариштагон ва ҳам барои одамон, ба
тамошогоҳе мубаддал шудаем+.
10 Мо ба хотири Масеҳ ҷоҳил ҳастем, лекин шумо дар Масеҳ ҳаким
ҳастед; мо нотавон, лекин шумо тавоно; шумо соҳиби ҷалолат, лекин
мо дар залолат+.

[11] То ҳамин соат гурусна ва ташна, бараҳна ва шаллоқхӯр ва
сарсону саргардон ҳастем,+
[12] Ва заҳмат кашида, бо дастҳои худ кор мекунем. Моро дашном
медиҳанд, мо баракат медиҳем; ба мо зулм мекунанд, мо тоқат
меоварем;+
[13] Ба мо бӯҳтон мезананд, мо зорию илтиҷо мекунем; мо мисли
хасрӯбаи ҷаҳон ва ахлоти ҳама то ҳамин вақт мебошем.

## 10. Павлус падари калисои Қӯринтӯс аст.

[14] Ин суханонро на аз барои он навиштаам, ки шуморо хиҷил
кунам, балки шуморо чун фарзандони маҳбуби худ насиҳат
медиҳам+.
[15] Зеро, агарчи шумо ҳазорон носеҳон дар Масеҳ доред, лекин
падарони бисьёр надоред: ман шуморо дар Исои Масеҳ ба воситаи
Инҷил ба дуньё овардаам+.
[16] Бинобар ин аз шумо илтимос мекунам: ба ман тақлид намоед,
чунон ки ман ба Масеҳ тақлид менамоям+.
[17] Барои ҳамин ҳам ман Тимотиюсро назди шумо фиристодам, ки
ӯ фарзанди маҳбуб ва мӯътабари ман дар Худованд аст; ва ӯ роҳҳои
маро дар Исои Масеҳ ба ёди шумо хоҳад овард, чунон ки ман дар
ҳама ҷо дар ҳар калисо таълим медиҳам+.

## Нуфузи ҳавворӣ дар рӯҳи муҳаббат ва мулоимат.

[18] Баъзе касон мағрур шудаанд, ба гумони он ки ман назди шумо
намеоям;
[19] Аммо ба қарибӣ, агар Худованд бихоҳад, назди шумо хоҳам
омад, ва на сухани мағруронро, балки қуввати онҳоро хоҳам
донист,+
[20] Зеро ки Малакути Худо на дар сухан, балки дар қувват аст+.
[21] Чиро афзал медонед? Оё бо таёқ назди шумо биёям, ё ки бо
муҳаббат ва рӯҳи мулоимат+?

## Павлуси ҳаввориӣ дастур медиҳад, ки касони аз ҷиҳати маънавӣ фосидшударо аз калисо хориҷ кунанд.

**5** 1 Овозае ба гӯшам расид, ки дар байни шумо зино пайдо
шудааст, он ҳам чунон зино, ки ҳатто дар байни бутпарастон
шунида нашудааст, яъне шахсе зани падари худро гирифтааст+.
2 Ва шумо мағрур шудаед, ба ҷои он ки мотам гиред, то он касе ки
чунин коре кардааст, аз миёни шумо бадар шавад.
3 Зеро ки ман, агарчи ҷисман ғоибам, лекин рӯҳан ҳозирам,
аллакай, гӯё ки назди шумо бошам, дар ҳаққи шахсе ки чунин коре
кардааст, ҳукм намудам:+
4 Ба исми Худованди мо Исои Масеҳ, вақте ки шумо бо якҷоягии
рӯҳи ман ва бо қуввати Худованди мо Исои Масеҳ ҷамъ шавед,
5 Он шахс барои ҳалокати ҷисмаш ба шайтон супурда шавад, то ки
рӯҳаш дар рӯзи Худованди мо Исои Масеҳ наҷот ёбад+.
6 Фахри шумо хуб нест. Оё намедонед, ки андак хамиртуруш
тамоми хамирро метуршонад+?
7 Пас, хамиртуруши кӯҳнаро тоза кунед, то ки шумо хамири нав
бошед, чунки шумо бе хамиртуруш ҳастед, зеро ки Фисҳи мо*, Масеҳ,
барои мо забҳ шудааст+.
8 Бинобар ин идро на бо хамиртуруши кӯҳна, на бо хамиртуруши
шарорат ва макр, балки бо фатири покӣ ва ростӣ ба ҷо хоҳем овард+.
9 Ба шумо дар нома навиштаам, ки бо зинокорон алоқа накунед;+
10 Лекин на умуман бо зинокорони ин ҷаҳон, ё бо ҳаромризқон, ё
бо ғоратгарон, ё бо бутпарастон, зеро дар ин сурат шуморо лозим
меомад, ки аз ҷаҳон берун шавед;
11 Балки ба шумо навиштаам, ки бо касе алоқа накунед, ки худро
бародар номида, зинокор, ё ҳаромризқ, ё бутпараст, ё бадзабон, ё
бадмаст, ё ғоратгар шуда мондан мегирад; бо чунин одам якҷоя
хӯрок ҳам нахӯред+.
12 Зеро ки чаро ман ба онҳое ки дар берунанд, доварӣ кунам? Оё
шумо ба онҳое ки дар дохиланд, доварӣ намекунед+?
13 Ба онҳое ки дар берунанд, Худо доварӣ мекунад. Пас шумо
фосиқро аз миёни худ бадар кунед.

## Мурофиаи худро назди гуноҳкорон бурдан ба имондорон манъ карда шудааст.

**6** 1 Касе аз шумо, вақте ки ба дигаре даъво дорад, оё ҷуръат мекунад, ки мурофиаи худро назди гуноҳкорон барад, на назди муқаддасон+?

2 Магар намедонед, ки муқаддасон ҷаҳонро доварӣ ҳоҳанд кард? Ва агар шумо ҷаҳонро доварӣ мекарда бошед, наход ки сазовори он нестед, ки корҳои хурдтарро доварӣ кунед+?

3 Магар намедонед, ки мо фариштагонро доварӣ хоҳем кард? Пас чӣ қадар зиёдтар корҳои маишатро!

4 Лекин шумо, вақте ки мурофиаи маишӣ доред, онҳоеро, ки дар калисо ҳеҷ эътиборе надоранд, ба доварӣ мешинонед.

5 Барои хиҷил шуданатон мегӯям: наход ки дар байни шумо як нафар ҳам боҳираде нест, ки дар миёни бародарони худ доварӣ карда тавонад+?

6 Аммо бародар бо бародар мурофиа мекунад, он ҳам дар пеши беимонон.

7 Худи ҳамин ҳам барои шумо зиллатовар аст, ки байни худ мурофиа доред. Чаро барои худ мазлумиятро афзал намедонед? Чаро ба маҳрумият тоб оварданро афзал намедонед+?

8 Лекин худатон мазлум ва маҳрум мекунед, он ҳам бародарони худро.

## Имондорон бояд худро аз гуноҳ нигоҳ доранд.

9 Оё намедонед, ки золимон ворисі Малакути Худо намешаванд? Фирефта нашавед: на зинокорон, на бутпарастон, на фосиқон, на бачабозон, на ливотагарон,+

10 На дуздон, на ҳаромризқон, на бадмастон, на бадзабонон, на ғоратгарон — ворисі Малакути Худо намешаванд+.

11 Ва баъзе аз шумо чунин будед; аммо пок шудед, аммо қудсият пайдо кардед, аммо сафед шудед ба исми Худованди мо Исои Масеҳ ва ба Рӯҳи Худои мо+.

12 Ҳама чиз барои ман ҷоиз аст, лекин на ҳар чиз фоиданок аст; ҳама чиз барои ман ҷоиз аст, лекин набояд ки чизе маро бандаи худ гардонад+.

[13] Хӯрок барои шикам аст, ва шикам барои хӯрок; аммо Худо инро
ва онро нест мекунад; лекин ҷисм на барои зино, балки барои
Худованд аст, ва Худованд барои ҷисм аст.
[14] Чунон ки Худо Худовандро бо қуввати Худ эҳьё кард, моро низ
эҳьё хоҳад кард.
[15] Магар намедонед, ки ҷисмҳои шумо узвҳои Масеҳанд? Пас оё
узвҳои Масеҳро мегирам, то ки онҳоро узвҳои фоҳишае гардонам?
Ҳошо ва калло!+
[16] Оё намедонед, ки ҳар кӣ бо фоҳиша ҷимоъ кунад, бо вай як тан
мешавад? Зеро ки гуфта шудааст: «Ҳар ду як ҷисм хоҳанд буд»+.
[17] Аммо ҳар кӣ бо Худованд пайванд шавад, бо Ӯ як рӯҳ аст+.
[18] Аз зино бигрезед. Ҳар гуноҳе ки одамизод мекунад, аз ҷисм
берун аст, лекин зинокор бар зидди ҷисми худаш гуноҳ мекунад+.
[19] Оё намедонед, ки ҷисмҳои шумо маъбади Рӯҳулқудс аст, ки Он
дар шумо сокин аст, ва Онро шумо аз Худо ёфтаед, ва шумо аз они
худатон нестед+?
[20] Зеро ки шумо ба нархи гарон харида шудаед. Пас, дар ҷисмҳои
худ ва дар ҷонҳои худ Худоро ҳамду сано кунед, ки онҳо ба Худо
тааллуқ доранд+.

## Никоҳ ва муҷаррадӣ.

7 [1] Дар бораи он чи ба ман навишта будед, барои одам хуб аст, ки ба зан даст нарасонад.

[2] Аммо, барои пешгирӣ кардани зино, бигзор ҳар мард завҷаи худро дошта бошад, ва ҳар зан шавҳари худро дошта бошад.

[3] Бигзор шавҳар вазифаи заношӯиро нисбат ба зани худ ба ҷо оварад; ҳамчунин завҷа нисбат ба шавҳари худ+.

[4] Завҷа бар ҷисми худ ихтиёрдор нест, балки аз они шавҳар аст; ҳамчунин шавҳар бар ҷисми худ ихтиёрдор нест, балки аз они завҷа аст.

[5] Аз якдигар канорагирӣ накунед, магар ба муддате, бо ризогии ҳар ду, то ки ба рӯзаву дуо шуғл кунед ва аз нав якҷоя шавед, то ки шайтон шуморо, ба сабаби худдорӣ карда натавонистанатон, ба васваса наандозад+.

[6] Лекин инро ман ба тариқи маслиҳат мегӯям, на ба тариқи фармоиш+.

[7] Зеро мехоҳам, ки ҳамаи одамон мисли ман бошанд; аммо ҳар кас лаёқати ба худ хосе аз Худо дорад, яке ин тавр, дигаре ба таври дигар+.

[8] Лекин ба муҷаррадон ва бевазанон мегӯям: барои онҳо хуб аст, ки мисли ман бимонанд;

[9] Аммо агар худдорӣ карда натавонанд, бигзор никоҳ кунанд; зеро ки никоҳ кардан аз сӯхтан дар оташи шаҳват беҳтар аст+.

## Талоқ.

[10] Ба онҳое ки никоҳ кардаанд, на ман фармоиш медиҳам, балки Худованд: завҷа аз шавҳараш набарояд, —+

[11] Ва агар барояд, бояд муҷаррад бимонад, ё ки бо шавҳараш оштӣ шавад, — ва шавҳар завҷаашро талоқ надиҳад+.

[12] Ба дигарон ман мегӯям, на Худованд: агар бародаре завҷаи беимон дошта бошад, ва он завҷа розӣ бошад бо ӯ зиндагӣ кунад, ӯ набояд аз вай ҷудо шавад+.

[13] Ва завҷае ки шавҳари беимон дошта бошад, ва он шавҳар розӣ бошад бо вай зиндагӣ кунад, вай набояд аз ӯ ҷудо шавад;

[14] Зеро ки шавҳари беимон ба воситаи завҷаи имондораш қудсият
пайдо мекунад, ва завҷаи беимон ба воситаи шавҳари имондораш
қудсият пайдо мекунад; вагар на фарзандони шумо нопок мебуданд,
ва ҳол он ки дар асл онҳо муқаддас ҳастанд+.
[15] Аммо агар беимон ҷудо шудан хоҳад, бигзор ҷудо шавад; дар
чунин вазъият бародар ё хоҳар дигар вобаста нест; Худованд моро ба
осоиштагӣ даъват намудааст.
[16] Зеро аз куҷо ту донӣ, эй завҷа, ки шавҳаратро наҷот хоҳӣ дод? Ё
аз куҷо ту донӣ, эй шавҳар, ки завҷаатро наҷот хоҳӣ дод+?

## Имондорон бояд бар ҳасби иродаи Худо рафтор кунанд ва дар ҳамон ҳолате ки даъват шудаанд, бимонанд.

[17] Бигзор ҳар кас дар он ҳолате ки Худо ӯро насиб кардааст, ва ҳар
кас дар он вазъе ки Худованд ӯро даъват намудааст, бимонад. Дар
ҳамаи калисоҳо ман ҳамин тавр дастур медиҳам.
[18] Агар шахси махтуне даъват шуда бошад, орзуи номаҳтунӣ
накунад; ва агар номахтуне даъват шуда бошад, хатна накунад+.
[19] Хатна ҳеҷ аст, номахтунӣ ҳам ҳеҷ аст, балки аз ҳама муҳимтар
риояи аҳкоми Худост+.
[20] Ҳар кас дар ҳар ҳолате ки даъват шудааст, дар ҳамон бимонад.
[21] Агар дар ҳолати ғуломӣ даъват шуда бошӣ, нороҳат нашав;
балки агар озод шуда тавонӣ ҳам, аз фурсат истифода бар.
[22] Зеро ғуломе ки дар Худованд даъват шудааст, озоди Худованд
аст; инчунин шаҳси озоде ки даъват шудааст, ғуломи Масеҳ аст+.
[23] Шумо ба нархи гарон харида шудаед: ғуломи одамон нагардед+.
[24] Ҳар кас дар ҳар ҳолате ки даъват шудааст, эй бародарон, дар
ҳамон назди Худо бимонад.

## Машваратҳо ба имондорон дар бораи бакорат ва заношӯӣ.

[25] Дар хусуси бокираҳо аз Худованд фармоише надорам, лекин,
ҳамчун шаҳсе ки аз Худованд марҳамат ёфтааст, ки амин бошад,
маслиҳати худро баён мекунам+.
[26] Пас, ба сабаби тангии вазъияти ҳозира, ман онро беҳтар
медонам, ки барои одам хуб аст, агар ҳамон тавр, ки ҳаст, бимонад.
[27] Оё зандор ҳастӣ? — толиби талоқ набош. Оё безан ҳастӣ? —
толиби зан набош.

28 Аммо агар зандор ҳам шавӣ, гуноҳе намекунӣ; ва агар бокирае ба шавҳар расад, гуноҳе намекунад. Лекин чунин касон дар ҷисм азобҳо хоҳанд дошт; ва ман ба шумо раҳмхӯрӣ мекунам.

29 Ба шумо, эй бародарон, инро мегӯям: вақт танг аст, ба тавре ки зандорон бояд мисли безанон бошанд;

30 Ва гирьёнон мисли он ки гирьён набошанд; ва шоддилон мисли он ки шоддил набошанд; ва харидорон мисли он ки хариде накарда бошанд;+

31 Ва онҳое ки аз ин ҷаҳон фоида мебаранд, мисли он ки фоидабар набошанд; зеро ки сурати ин ҷаҳон гузарон аст+.

32 Ман хоҳиш дорам, ки шумо беғам бошед. Марди безан дар бораи он чи ба Худованд оид аст, ғамхорӣ мекунад, ки чӣ гуна ба Худованд писанд афтад;+

33 Аммо марди зандор дар бораи он чи ба ҷаҳон оид аст, ғамхорӣ мекунад, ки чӣ гуна ба завҷааш писанд афтад. Дар миёни зани шавҳардор ва бокира ҳам фарқе ҳаст:

34 Зани бешавҳар дар бораи он чи ба Худованд оид аст, ғамхорӣ мекунад, ки чӣ гуна ба Худованд писанд афтад, то ки ҳам дар ҷисм ва ҳам дар рӯҳ муқаддас бошад; аммо зани шавҳардор дар бораи он чи ба ҷаҳон оид аст, ғамхорӣ мекунад, ки чӣ гуна ба шавҳараш писанд афтад.

35 Инро ман ба фоидаи шумо мегӯям, на аз барои он ки банду боре бар шумо андозам, балки барои он ки шумо боодобона ва пай дарҳам дар ибодати Худованд бошед, бе он ки чизе ба ин монеъ шавад.

36 Лекин агар касе рафторашро ба бокираи худ номуносиб донад, ки вай ба синни балоғат расида, бе шавҳар мемонад, бигзор ӯ он чи мехоҳад, бикунад, — гуноҳе намекунад; бигзор онҳо ба шавҳар бирасанд.

37 Аммо касе ки дар дили худ бағоят матин аст ва эҳтиёҷе надорад, балки иродаи қавӣ дошта, дар дили худ азм кардааст, ки бокираи худро нигоҳ дорад, — ӯ кори хуб мекунад.

38 Бинобар ин, касе ки бокираи худро ба шавҳар медиҳад, кори хуб мекунад, ва касе ки ба шавҳар намедиҳад, кори хубтар мекунад+.

39 Зан, мувофиқи шариат, то даме ки шавҳараш зинда аст, ба ӯ тааллуқ дорад; пас аз вафоти шавҳараш вай озод шуда, ба ҳар касе ки хоҳад, никоҳ кунад, фақат дар Худованд бошад+.

40 Лекин, ба фикри ман, вай хушбахттар аст, агар бева бимонад; ва
ба гумонам, ман низ Рӯҳи Худоро дорам.

## Дар бораи истеъмоли қурбониҳои бутҳо.

**8** [1] Дар бораи қурбониҳои бутҳо* мо медонем, ки ҳамаамон
соҳиби дониш ҳастем. Дониш мағрур мегардонад, аммо муҳаббат
обод мекунад+.
[2] Агар касе гумон кунад, ки ягон чизро медонад, ӯ ҳанӯз ҳеҷ чизро
ончунон ки донистанаш лозим аст, намедонад;+
[3] Аммо касе ки ба Худо муҳаббат дорад, вай ба воситаи Худо
шинохта шудааст+.
[4] Пас, дар бораи хӯрдани қурбониҳои бутҳо мо медонем, ки бут
дар ҷаҳон вуҷуд надорад, ва ҷуз Худои Ягона худои дигаре нест+.
[5] Зеро, ҳар чанд ба ном худоён чи дар осмон, чи дар замин
ҳастанд, — чунки худоёни бисьёр ва худовандони бисьёр ҳастанд, —
[6] Лекин мо як Худо дорем, яъне Худои Падар, ки ҳама чиз аз Ӯст,
ва мо барои Ӯ ҳастем, ва як Худованд дорем, яъне Исои Масеҳ, ки
ҳама чиз ба воситаи Ӯст, ва мо ба воситаи Ӯ ҳастем+.
[7] Аммо ҳама дорои ин дониш нестанд: баъзе касон то алҳол, аз рӯи
одати деринаи бутпарастӣ, ин хӯрокро чун қурбонии бут мехӯранд,
ва виҷдони онҳо, ки нотавон аст, наҷис мешавад+.
[8] Хӯрок моро ба Худо наздик намекунад: зеро ки на аз хӯрдан
манфиате мебинем, на аз нахӯрдан зиёне+.
[9] Аммо боҳабар бошед, ки ин озодии шумо сабаби васвасаи
нотавонон нашавад.
[10] Зеро, агар касе туро, ки соҳиби дониш ҳастӣ, бубинад, ки дар
сари суфраи бутхона нишастаӣ, оё виҷдони ӯ, ки нотавон аст, ӯро низ
ба хӯрдани қурбониҳои бутҳо моил намекунад+?
[11] Ва аз дониши ту он бародари нотавон, ки Масеҳ барои ӯ мурд,
нобуд мешавад+.
[12] Ва ба ин тариқа бар зидди бародарон гуноҳ карда ва ба виҷдони
нотавони онҳо осеб расонда, шумо бар зидди Масеҳ гуноҳ мекунед.
[13] Бинобар ин, агар хӯрок бародари маро ба васваса меандохта
бошад, ҳаргиз гӯшт намехӯрам, то ки бародари худро ба васваса
наандозам+.

## Намунаи Павлус дар тарккунӣ.

9 1 Оё ман ҳаввори нестам? Оё ман озод нестам? Оё ман
Худованди мо Исои Масеҳро надидаам? Оё шумо амали ман дар
Худованд нестед+?
2 Агар барои дигарон ман ҳаввори набошам, барои шумо ҳастам,
зеро ки мӯҳри ҳаввории ман дар Худованд шумо ҳастед.
3 Ҳифзи ман ба муқобили онҳое ки маро мазаммат мекунанд,
хамин аст.
4 Оё мо ҳаққи хӯрдан ва нӯшидан надорем+?
5 Оё ҳақ надорем, ки мисли ҳаввориёни дигар ва бародарони
Худованд ва Кифо завҷаи имондорро ҳамроҳи худ бибарем+?
6 Оё танҳо ман ва Барнаббо ҳақ надорем, ки кор накунем+?

## Онҳое ки Инҷилро мавъиза менамоянд, бояд аз башорат додани Инҷил зиндагӣ кунанд.

7 Кист, ки ягон вақт хизмати сарбозиро бо нафақаи худаш ба ҷо
оварда бошад? Кист, ки ток шинонда, аз ангураш намехӯрда бошад?
Кист, ки рамаро чаронда, аз шири рама намехӯрда бошад+?
8 Оё инро ман фақат ба таври инсонӣ мегӯям? Оё шариат низ инро
намегӯяд?
9 Зеро ки дар Таврoти Мусо навишта шудааст: «Вақте ки барзагов
хирман мекӯбад, даҳонашро набанд». Оё Худо дар бораи барзаговон
ғамхорӣ мекунад+?
10 Ё ки, албатта, барои мо гуфта шудааст? Оре, ин барои мо
навишта шудааст; зеро ки шудгоркунанда бояд бо умед шудгор
кунад, ва хирманкӯб — бо умеди гирифтани саҳми худ хирман
кӯбад+.
11 Модоме ки мо дар миёни шумо чизҳои рӯҳониро коштаем, оё ин
як кори бузург аст, ки агар назди шумо чизҳои ҷисмониро дарав
кунем+?
12 Агар дигарон назди шумо ҳақ дошта бошанд, оё ҳаққи мо
зиёдтар нест? Лекин мо аз ин ҳақ истифода набурдем, балки ҳар
чизро тоқат мекунем, то ки ба башорати Масеҳ ҳеҷ мамониате
нарасонем.

13 Магар намедонед, ки онҳое ки дар маъбад хизмат мекунанд, аз
маъбад мехӯранд? Ва ходимони қурбонгоҳ аз қурбонгоҳ ҳиссае
мегиранд+?
14 Ҳамчунин Худованд фармудааст, ки воизони Инҷил аз башорат
додани Инҷил зиндагӣ кунанд+.
15 Лекин ман аз инҳо ҳеҷ якеро истифода накардаам. Ва инро на аз
барои он навиштаам, ки барои ман ҳамин тавр бошад; зеро барои
ман мурдан беҳтар аст аз он ки касе ин фахри маро нест кунад+.
16 Зеро, агар башорат диҳам, ин барои ман сабаби фахр нест,
чунки ин барои ман як кори воҷибист: вой бар ҳоли ман, агар
башорат надиҳам!+
17 Зеро, агар инро ба таври ихтиёрӣ ба ҷо оварам, мукофот
мегирам; лекин агар ба таври ғайриихтиёрӣ бошад, ин як вазифаи
маъмуриест, ки ба зиммаи ман гузошта шудааст+.
18 Пас мукофоти ман чист? Он аст, ки Инҷилро мавъиза намуда,
дар бораи Масеҳ бемузд башорат медиҳам ва аз ҳаққи
башоратдиҳандагии худ истифода намебарам+.

## Намунаи хизматгузории ҳақиқӣ.

19 Зеро, бо вуҷуди он ки аз ҳама озод будам, худро ғуломи ҳама
гардондам, то ки шумораи бештари одамонро ба Масеҳ ҷалб
намоям;+
20 Барои яҳудиён чун яҳудӣ шудам, то ки яҳудиёнро ҷалб намоям;
барои аҳли шариат чун аҳли шариат шудам, то ки аҳли шариатро
ҷалб намоям;+
21 Барои бешариатон чун бешариат шудам, — гарчанде ки ман
пеши Худо бешариат нестам, балки аз аҳли шариати Масеҳам, — то
ки бешариатонро ҷалб намоям;+
22 Барои нотавонон чун нотавон шудам, то ки нотавононро ҷалб
намоям. Барои ҳама кас ман ҳама чиз шудам, то ки бо ҳар роҳ баъзе
касонро наҷот диҳам+.
23 Инро ман барои Инҷил мекунам, то ки шарики баракоти он
бошам.
24 Оё намедонед, ки давандагони майдони мусобиқа ҳама
медаванд, аммо фақат як нафар мукофот мегирад? Ҳамин тавр
бидавед, то ки соҳиби он гардед+.

25 Ҳамаи риёзаткашон аз ҳар чиз худдорӣ мекунанд: онҳо барои
гирифтани тоҷи фонӣ, лекин мо барои гирифтани тоҷи ғайрифонӣ+.
26 Бинобар ин ман медавам на он тавре ки бар абас бошад, ва мушт
мезанам на он тавре ки фақат барои задани ҳаво бошад;
27 Балки ҷисми худро азоб медиҳам ва ғулом мегардонам, то ки ба
дигарон мавъиза намуда, худам маҳрум набошам.

## Исроил дар биёбон огоҳие барои имондорон аст.

**10** 1 Ман намехоҳам, эй бародарон, ки шумо бехабар бошед аз
он ки падарони мо ҳама дар зери абр буданд, ва ҳама аз баҳр
убур карданд;+
2 Ва ҳама дар абр ва дар баҳр ба Мусо таъмид ёфтанд;
3 Ва ҳама айни як ғизои рӯҳониро мехӯрданд;+
4 Ва ҳама айни як нӯшокии рӯҳониро менӯшиданд, зеро аз сахраи
рӯҳоние менӯшиданд, ки аз ақибашон меомад; ва он сахра Масеҳ буд.
5 Лекин бар аксари онҳо ҳусни таваҷҷӯҳи Худо набуд; зеро ки онҳо
дар биёбон ба ҳалокат расиданд+.
6 Ва инҳо барои мо тимсоле буданд, то ки мо бадиро орзу
накунем, чунон ки онҳо орзу мекарданд+.
7 Ҳамчунин, монанди баъзеи онҳо, бутпараст набошед, чунон ки
навишта шудааст: «Қавм ба хӯрдану нӯшидан нишастанд, ва барои
рақсу бозӣ бархостанд»+.
8 Зинокорӣ накунем, чунон ки баъзеи онҳо зинокорӣ карданд, ва
дар як рӯз бисту се ҳазор нафарашон нобуд шуданд+.
9 Масеҳро наозмоем, чунон ки баъзеи онҳо озмуданд ва аз неши
морҳо ба ҳалокат расиданд+.
10 Шиква накунед, чунон ки баъзеи онҳо шиква карданд ва аз дасти
қиркунанда нобуд шуданд+.
11 Ҳамаи ин ба онҳо чун тимсоле рӯй дод, ва барои тарбияти мо
навишта шуд, ки охирзамон насиби мо гардидааст+.
12 Бинобар ин ҳар кӣ гумон мекунад, ки рост истодааст, эҳтиёт
кунад, ки наафтад+.
13 Озмоише ки ба сари шумо омадааст, ҷуз озмоиши оддии инсонӣ
чизи дигаре нест; ва Худо амин аст, ва Ӯ намегузорад, ки шумо берун
аз қуввати худ озмуда шавед, балки дар баробари озмоиш сабукӣ ҳам
медиҳад, то ки шумо тоб оварда тавонед+.
14 Хуллас, эй маҳбубонам, аз бутпарастӣ бигрезед+.
15 Ба мулоҳизакорон сухан мегӯям: дар бораи он чи мегӯям,
худатон мулоҳиза кунед;

## Иштирок дар суфраи Худованд тарки суфраи девҳоро талаб

## мекунад.

[16] Оё косаи баракат, ки онро баракат медиҳем, шарик шудан ба
Хуни Масеҳ нест? Оё ноне ки пора мекунем, шарик шудан ба Бадани
Масеҳ нест+?
[17] Чунон ки нон яктост, мо низ, ки бисьёрем, як тан ҳастем, зеро
ки ҳамаамон аз як нон ҳиссае мегирем+.
[18] Ба Исроил ба ҳасби ҷисм нигоҳ кунед: оё онҳое ки қурбониҳоро
мехӯранд, шарики қурбонгоҳ нестанд+?
[19] Пас ман чӣ бигӯям? Оё ин ки дар қурбонии бут ё худи бут чизе
хаст+?
[20] Не, балки он чи онҳо қурбонӣ мекунанд, ба девҳо қурбонӣ
мекунанд, на ба Худо; лекин ман намехоҳам, ки шумо бо девҳо
шарик бошед+.
[21] Шумо наметавонед ҳам косаи Худовандро бинӯшед, ҳам косаи
девҳоро; наметавонед ҳам дар суфраи Худованд иштирок кунед, ҳам
дар суфраи девҳо+.
[22] Наҳод ки мо Худовандро ба хашм меоварем? Магар мо аз Ӯ
пурзӯртарем+?

## Дигаронро бо хӯрок ба васваса андохтан лозим нест.

[23] Ҳама чиз барои ман ҷоиз аст, лекин на ҳар чиз фоиданок аст;
ҳама чиз барои ман ҷоиз аст, лекин на ҳар чиз обод мекунад+.
[24] Ҳеҷ кас нафъи худро толиб набошад, балки нафъи дигаронро+.
[25] Ҳар он чи дар бозор фурӯхта мешавад, бихӯред ва ба хотири
виҷдон ҳеҷ тафтиш накунед;+
[26] Зеро ки замин ва ҳар он чи дар он аст, аз они Худованд аст+.
[27] Агар касе аз беимонон шуморо даъват намояд, ва шумо мехоҳед
биравед, — аз ҳар чизе ки пешатон монанд, бихӯред ва ба хотири
виҷдон ҳеҷ тафтиш накунед+.
[28] Лекин агар касе ба шумо гӯяд, ки «ин қурбонии бут аст», — ба
хотири касе ки хабар дод, ва ба хотири виҷдон нахӯред; зеро ки
замин ва ҳар чи дар он аст, аз они Худованд аст.
[29] Аммо на виҷдони худро, балки виҷдони он каси дигарро дар
назар дорам; зеро чаро виҷдони каси дигар бар озодии ман доварӣ
кунад?

30 Агар ман бо шукргузорӣ мехӯрда бошам, чаро маро барои он
чизе ки ман барояш шукргузорӣ мекунам, мазаммат намоянд+?
31 Хуллас, хоҳ мехӯред, хоҳ менӯшед, ё кори дигаре мекунед,
ҳамаашро барои ҷалоли Худо ба ҷо оваред+.
32 На яҳудиёнро ба васваса андозед, на юнониёнро, на калисои
Худоро,+
33 Чунки ман низ дар ҳар бобат дили ҳамаро меёбам, ва толиби
нафъи худ не, балки нафъи касони бисьёр ҳастам, то ки онҳо наҷот
ёбанд+.

## Тартиби масеҳӣ дар ҷамъомадҳо.

**11** 1 Ба ман тақлид кунед, чунон ки ман ба Масеҳ тақлид мекунам+.

2 Шуморо, эй бародарон, барои он таҳсин менамоям, ки дар ҳар хусус маро дар хотир доред ва ривоятҳоро, ончунон ки ба шумо супурдаам, нигоҳ доштаед.

3 Ҳамчунин мехоҳам бидонед, ки сардори ҳар мард Масеҳ аст, сардори зан шавҳари ӯст, ва сардори Масеҳ Худост+.

4 Ҳар марде ки сари пӯшида дуо гӯяд ё нубувват кунад, сари худро расво мекунад;

5 Ва ҳар зане ки сари луч дуо гӯяд ё нубувват кунад, сари худро расво мекунад, зеро ин мисли он аст, ки мӯйсараш тарошида шуда бошад;+

6 Зеро, агар зан нахоҳад, ки сари худро пӯшонад, бигзор мӯяшро қайчӣ кунад; ва агар зан аз қайчӣ кардан ё тарошидани мӯяш шарм дошта бошад, бигзор сари худро пӯшонад+.

7 Хуллас, мард набояд сари худро пӯшонад, чунки ӯ сурат ва ҷалоли Худост; аммо зан ҷалоли мард аст+.

8 Зеро ки на мард аз зан аст, балки зан аз мард;+

9 Ва на мард барои зан офарида шудааст, балки зан барои мард+.

10 Бинобар ин зан бояд бар сараш нишонаи ихтиёрро ба хотири фариштагон дошта бошад.

11 Лекин дар Худованд на мард бе зан аст, на зан бе мард аст:+

12 Зеро, чунон ки зан аз мард аст, ончунон мард низ ба воситаи зан аст; ва ҳамаи ин аз Худост.

13 Худатон мулоҳиза кунед, ки оё аз рӯи одоб аст, ки зан сари нопӯшида пеши Худо дуо гӯяд?

14 Оё худи табиат шуморо таълим намедиҳад, ки агар мард мӯяшро дароз кунад, ин барои ӯ нанг аст,

15 Аммо агар зан мӯяшро дароз кунад, ин барои вай шаъну шараф аст, чунки мӯй ба вай ба ҷои ҳиҷоб дода шудааст+?

16 Ва агар касе мунозира карданӣ бошад, мо ва калисоҳои Худо чунин одат надорем.

## Дар бораи бояду шояд ид кардани таоми шоми Худованд.

17 Лекин, ин дастурро дода, шуморо барои он таҳсин намекунам, ки на аз барои некӣ, балки аз барои бадӣ ҷамъ мешавед.

18 Зеро, аввалан, шунидам, ки дар миёни шумо, вақте ки дар калисо ҷамъ мешавед, ихтилофот рӯй медиҳад, ки ба ин ман як қадар бовар мекунам+.

19 Зеро ки дар миёни шумо гуногунии ақидаҳо низ бояд бошад, то ки корозмудагон дар миёни шумо зоҳир гарданд+.

20 Сонӣ, дар як ҷо ҷамъ шуданатон барои хӯрдани таоми шоми Худованд нест;

21 Зеро ҳар кас аз дигарон пештар хӯроки худро гирифта мехӯрад, ва яке гурусна мемонад, ва дигаре маст мешавад.

22 Магар шумо хона надоред, ки дар он бихӯред ва бинӯшед? Ё ки ба калисои Худо беэътиноӣ мекунед ва нодоронро хиҷолат медиҳед? Ба шумо чӣ гӯям? Оё барои ин шуморо таҳсин кунам? Таҳсин намекунам+.

23 Зеро ман аз Худованд чунин қабул кардам ва ба шумо низ супурдам, ки Исои Худованд дар он шабе ки Ӯро таслим карданд, нонро гирифт+

24 Ва баракат дода, пора кард ва гуфт: «Бигиред, бихӯред, ин Бадани Ман аст, ки барои шумо пора карда мешавад; инро ба ёдгории Ман ба ҷо оваред»+.

25 Ҳамчунин косаро пас аз таоми шом гирифта, гуфт: «Ин коса аҳди ҷадид аст дар Хуни Ман; инро, ҳар боре ки менӯшед, ба ёдгории Ман ба ҷо оваред.»+

26 Зеро ҳар боре ки ин нонро мехӯред ва ин косаро менӯшед, мамоти Худовандро эълон мекунед, то даме ки Ӯ биёяд.

27 Бинобар ин ҳар кӣ ба таври ношоиста ин нонро бихӯрад ё косаи Худовандро бинӯшад, бар зидди Бадан ва Хуни Худованд айбдор хоҳад шуд+.

28 Пас, одамизод бояд худро имтиҳон кунад, ва ба ин тариқа аз он нон бихӯрад ва аз он коса бинӯшад.

29 Зеро, кас агар дар бораи Бадани Худованд мулоҳиза накарда, ба таври ношоиста бихӯрад ва бинӯшад, вай ба маҳкумияти худ мехӯрад ва менӯшад.

30 Ба ҳамин сабаб бисьёре аз шумо оҷиз ва бемор ҳастанд, ва
бисьёре мурдаанд.
31 Зеро, агар худамон худро доварӣ мекардем, ба доварӣ дучор
намешудем.
32 Модоме ки ба доварӣ дучор шудаем, аз ҷониби Худодованд ҷазо
мебинем, то ки бо аҳли ҷаҳон маҳкум нагардем+.
33 Бинобар ин, эй бародаронам, вақте ки барои таоми шом ҷамъ
мешавед, мунтазири якдигар бошед.
34 Ва агар касе гурусна бошад, дар хонааш бихӯрад, то ки ҷамъ
шуданатон сабаби маҳкумияти шумо нагардад. Чизҳои дигарро пас
аз омаданам дуруст хоҳам кард.

## Дар бораи бахшоишҳои рӯҳонӣ.

## 1. Бахшоишҳои рӯҳонӣ дар шаклҳои гуногуни худ бояд фақат ба калисо хизмат кунанд.

12 [1] Дар хусуси бахшоишҳои рӯҳонӣ бошад, намехоҳам, ки шумо, эй бародарон, бехабар монед+.

[2] Медонед, ки шумо, вақте ки бутпараст будед, назди бутҳои безабон тавре мерафтед, ки гӯё шуморо кашида мебурданд+.

[3] Бинобар ин шуморо огоҳ менамоям, ки ҳеҷ кас, ки бар тибқи Рӯҳи Худо сухан меронад, наметавонад лаънат бар Исо бигӯяд, ва ҳеҷ кас наметавонад Исоро Худованд бихонад, магар бар тибқи Рӯҳулқудс+.

[4] Бахшоишҳо гуногун аст, лекин Рӯҳ ҳамон як аст;+

[5] Ва хизматҳо гуногун аст, аммо Худованд ҳамон як аст;+

[6] Ва амалҳо гуногун аст, аммо Худо ҳамон як аст, ки ҳама чизро дар ҳама ба амал меоварад+.

[7] Лекин ба ҳар кас зуҳуроти Рӯҳ барои манфиати ҳамаҷониба бахшида мешавад:

[8] Зеро ки ба яке ба воситаи Рӯҳ каломи ҳикмат бахшида мешавад, ба дигаре — каломи дониш, бар тибқи ҳамон Рӯҳ;

[9] Ба яке — имон, бар тибқи ҳамон Рӯҳ; ба дигаре — бахшоиши шифо додан, бар тибқи ҳамон Рӯҳ;+

[10] Ба яке — қудрати мӯъҷизанамо, ба дигаре — нубувват; ба яке — ташхиси арвоҳ, ба дигаре — забонҳои гуногун ва ба сеюмӣ — тафсири забонҳо+.

[11] Ҳамаи инро ҳамон як Рӯҳ ба амал меоварад, ки ба ҳар кас махсусан, мувофиқи хости Худ, тақсим мекунад.

## 2. Ҳар як имондор узви бадани Масеҳ аст, ки дорои бахшоиши муайяни хизматгузорӣ мебошад.

[12] Зеро, чунон ки бадан як аст, лекин узвҳои бисьёр дорад, ва ҳамаи узвҳои як бадан, агарчи бисьёранд, як баданро ташкил мекунанд, — ончунон Масеҳ низ+.

[13] Зеро ки ҳамаи мо — хоҳ яҳудиён, хоҳ юнониён, хоҳ ғуломон, хоҳ озодон — бар тибқи як Рӯҳ дар як бадан таъмид ёфтаем, ва ҳама аз як

Рӯҳ нӯшонида шудаем+.
14 Лекин бадан на аз як узв, балки аз узвҳои бисьёр иборат аст.
15 Агар по бигӯяд: «Ман ба бадан тааллуқ надорам, чунки ман даст
нестам», наход ки он ба ин сабаб ба бадан тааллуқ надорад?
16 Ва агар гӯш бигӯяд: «Ман ба бадан тааллуқ надорам, чунки ман
чашм нестам», наход ки он ба ин сабаб ба бадан тааллуқ надорад?
17 Агар тамоми бадан чашм бошад, сомеа куҷост? Агар ҳамааш
сомеа бошад, шомма куҷост?
18 Аммо Худо ба узвҳо, ба ҳар яке аз онҳо, дар бадан, мувофиқи
хости Худ, ҷой додааст.
19 Ва агар ҳама як узв мебуданд, бадан куҷост?
20 Ва инак узвҳо бисьёр аст, лекин бадан як аст.
21 Чашм наметавонад ба даст бигӯяд: «Ту ба ман даркор нестӣ»; ё
ки сар низ ба пойҳо бигӯяд: «Шумо ба ман даркор нестед».
22 Баръакс, он узвҳои бадан, ки ба назар заифтар менамоянд,
зарууртаранд,
23 Ва дар бораи узвҳое ки наҷобаташон дар бадан ба назари мо
камтар аст, бештар ғамхорӣ мекунем;
24 Ва узвҳои бадсурати мо хушнамудтар пӯшонида мешаванд, вале
узвҳои хушсурати мо ба ин эҳтиёҷ надоранд. Лекин Худо баданро
тавре ба соз овардааст, ки дар бораи узви номукаммалтар ғамхории
бештаре талқин намудааст,
25 То ки дар бадан носозӣ пайдо нашавад, балки узвҳо ба якдигар
як хел ғамхорӣ кунанд.
26 Ва агар як узв дард кунад, бо он ҳамаи узвҳо дард мекунанд; ва
агар як узв сазовори таҳсин гардад, бо он ҳамаи узвҳо хурсанд
мешаванд+.
27 Шумо бадани Масеҳ ҳастед, вале ҷудо-ҷудо узвҳои Ӯ мебошед+.
28 Ва Худо баъзеро дар Калисо аввалан ҳаввории, сониян набӣ,
солисан муаллим таъин кардааст; баъд қувваҳои мӯъҷизакор,
ҳамчунин бахшоишҳои шифо додан, мадад расондан, идора кардан
ва забонҳои гуногунро бахшидааст+.
29 Оё ҳама ҳаввориянд? Оё ҳама набианд? Оё ҳама муаллиманд? Оё
ҳама мӯъҷизакоранд?
30 Оё ҳама бахшоиши шифодиҳӣ доранд? Оё ҳама ба забонҳо сухан
меронанд? Оё ҳама тафсир мекунанд?

31 Иштиёқманди бахшоишҳои бузургтар бошед, ва ман ба шумо
роҳи боз ҳам хубтарро нишон хоҳам дод+.

## 3. Муҳаббат аҷоибтарин бахшоиши рӯҳонист.

13 1 Агар ба забонҳои одамон ва фариштагон сухан ронам,
лекин муҳаббат надошта бошам, — ман миси ҷарангосзанандае
ё санҷи садодиҳандае гардидаам.
2 Агар бахшоиши нубувват дошта бошам, ва тамоми асрорро
донам, ва дорои ҳар гуна дониш ва тамоми имон бошам, ба тавре ки
кӯҳҳоро кӯчонида тавонам, лекин муҳаббат надошта бошам, — ман
ҳеҷ ҳастам+.
3 Ва агар тамоми дороии худро тақсим кунам ва ҷисми ҳудро ба
сӯхтан диҳам, лекин муҳаббат надошта бошам, — ҳеҷ манфиате
намебинам.
4 Муҳаббат пуртоқат ва бошафқат аст, муҳаббат ҳасад намебарад,
муҳаббат бо худ намеболад, мағрур намешавад,
5 Бадкирдорӣ намекунад, нафъи худро толиб нест, ба хашм
намеояд, ба дил кина намегирад,
6 Аз зулм шод намешавад, балки аз ростӣ хурсанд мешавад;
7 Ҳама чизро рӯпӯш мекунад, ба ҳама чиз боварӣ дорад, ба ҳама
чиз умед мебандад, ба ҳама чиз тоб меоварад.
8 Муҳаббат ҳаргиз хотима намеёбад, гарчанде ки нубувватҳо
хотима хоҳад ёфт, забонҳо хомӯш хоҳад шуд ва дониш ботил хоҳад
гашт.
9 Зеро ки мо ба таври ҷузъӣ медонем ва ба таври ҷузъӣ нубувват
мекунем;
10 Аммо вақте ки камол меояд, он чи ҷузъӣ буд, хотима меёбад.
11 Вақте ки кӯдак будам, кӯдаквор гап мезадам, кӯдаквор фикр
мекардам, кӯдаквор муҳокима мерондам; аммо вақте ки мард
шудам, кӯдакиро тарк кардам+.
12 Зеро ки мо ҳоло дар оина, ба таври муаммо мебинем, лекин он
вақт рӯ ба рӯ хоҳем дид; ҳоло ман ба таври ҷузъӣ медонам, лекин он
вақт хоҳам донист ба монанди он ки худам низ дониста шудаам+.
13 Аммо ҳоло ин се чиз боқӣ мемонад: имон, умед, муҳаббат; вале
муҳаббат калонтарини онҳост.

## 4. Бахшоишҳои нубувват ва забонҳо.

14 [1] Дар паи муҳаббат бошед; иштиёқманди бахшоишҳои
рӯҳонӣ, аллалхусус нубувват бошед+.
[2] Зеро касе ки ба забоне сухан меронад, вай на ба одамон, балки ба
Худо сухан меронад, чунки ҳеҷ кас намефаҳмад: вай бар тибқи рӯҳ
асрорро ба забон меоварад;
[3] Аммо касе ки нубувват мекунад, вай ба одамон барои обод
кардан ва насиҳату тасаллӣ додан сухан меронад.
[4] Касе ки ба забоне сухан меронад, вай худашро обод мекунад;
аммо касе ки нубувват мекунад, вай калисоро обод мекунад.
[5] Мехоҳам, ки ҳамаатон ба забонҳо сухан ронед; лекин беҳтар аст,
ки нубувват кунед, зеро касе ки нубувват мекунад, бузургтар аст аз
касе ки ба забонҳо сухан меронад, магар ки вай дар айни ҳол
маънидод ҳам кунад, то калисо обод шавад+.
[6] Ва акнун, эй бародарон, агар назди шумо биёям ва ба забонҳо
сухан ронам, чӣ нафъе ба шумо мерасонам, магар ин ки бо ваҳйе, ё
донише, ё нубуввате, ё таълиме ба шумо сухан ронам?
[7] Аммо агар асбоби беҷони садодиҳанда, най ё чанг, садоҳои аз
ҳам ҷудо набарорад, кас чӣ тавр мефаҳмад, ки бо най ё чанг чӣ
оҳанге менавозанд?
[8] Ва агар карнай садои номуайяне барорад, кӣ ба ҳарбу зарб омода
мешавад+?
[9] Ҳамчунин агар шумо суханони норавшане ба забон ронед, чӣ
тавр мефаҳманд, ки шумо чӣ мегӯед? Шумо ба ҳаво сухан хоҳед
ронд.
[10] Масалан, дар дунъё чӣ қадар калимаҳои гуногун ҳаст, ва ҳеҷ яке
аз онҳо бе маъно нест;
[11] Аммо, агар ман маънои калимаҳоро надонам, ман барои гӯянда
аҷнабӣ ҳастам, ва гӯянда барои ман аҷнабист.
[12] Ҳамчунин шумо, ки иштиёқманди бахшоишҳои рӯҳонӣ ҳастед,
саъю кӯшиш намоед, ки аз онҳо барои ободии калисо бой шавед.
[13] Бинобар ин касе ки ба забоне сухан меронад, бигзор дар бораи
тафсири он тақозо кунад.
[14] Зеро, вақте ки ман ба забоне дуо мегӯям, рӯҳам дуо мегӯяд,
лекин ақлам бе самар мемонад.

15 Пас чӣ бояд кард? Бо рӯҳ дуо хоҳам гуфт, бо ақл низ дуо хоҳам гуфт; бо рӯҳ суруд хоҳам хонд, бо ақл низ суруд хоҳам хонд+.

16 Зеро, агар ту бо рӯҳ баракат диҳӣ, бехабаре ки дар он ҷо истода бошад, дар вақти шукргузории ту чӣ тавр «омин» гӯяд? Зеро ӯ он чиро, ки ту мегӯӣ, намефаҳмад+.

17 Ту нағз шукргузорӣ мекунӣ, лекин каси дигар обод намешавад.

18 Худоямро шукр мегӯям, ки ман бештар аз ҳамаи шумо ба забонҳо сухан меронам;

19 Лекин дар калисо гуфтани панҷ калимаро бо ақли худ, то ки дигаронро насиҳат кунам, афзал медонам аз он ки як олам калимаро ба забоне бигӯям.

20 Эй бародарон! Дар ақл мисли кӯдакон набошед; нисбат ба шарорат чун навзодон рафтор кунед, лекин дар ақл болиғ бошед+.

21 Дар Таврот навишта шудааст: «Бо забонҳои дигар ва лабҳои дигар ба ин қавм сухан ҳоҳам ронд, лекин дар он вақт ҳам Маро нахоҳанд шунид, мегӯяд Худованд»+.

22 Пас забонҳо аломат аст на барои имондорон, балки барои беимонон; аммо нубувват на барои беимонон, балки барои имондорон аст+.

## 5. Дар ҷамъомадҳои имондорон ҳама чиз бояд шоиста ва боадабона бошад.

23 Агар тамоми аҳли калисо дар як ҷо ҷамъ шаванд, ва ҳама ба забонҳо сухан ронанд, ва бехабарон ё беимонон дароянд, — оё онҳо намегӯянд, ки шумо девона шудаед+?

24 Аммо вақте ки ҳама нубувват мекунанд, ва каси беимоне ё бехабаре медарояд, вай ба воситаи ҳама маҳкум мешавад, ба воситаи ҳама доварӣ карда мешавад,

25 Ва асрори дилаш ошкор мегардад; бинобар ин ӯ рӯй ба замин ниҳода, ба Худо саҷда мекунаду мегӯяд: «Ҳақиқатан Худо бо шумост»+.

26 Пас, эй бародарон, чӣ бояд кард? Вақте ки шумо ҷамъ мешавед, ва ҳар яке аз шумо таронае аз Забур, ё насиҳате, ё забоне, ё ваҳйе, ё тафсире дорад, — бигзор ҳамааш барои обод кардан бошад+.

27 Агар касе ба забоне сухан меронда бошад, ду нафар, ё бисьёраш се нафар, он ҳам ҷудо-ҷудо, сухан ронед, ва касе тафсир кунад.

[28] Ва агар тафсиркунанда набошад, бигзор соҳиби сухан дар
калисо хомӯш монад, ё ба худаш ва ба Худо сухан гӯяд.
[29] Ва аз анбиё бигзор ду ё се нафар сухан ронанд, ва дигарон
муҳокима кунанд;+
[30] Аммо агар ба каси дигаре аз нишастагон ваҳй ояд, бигзор
аввалин хомӯш шавад.
[31] Зеро ҳама паи ҳам метавонед нубувват кунед, то ки ҳама
таълим гиранд ва ҳама тасаллӣ ёбанд.
[32] Ва арвоҳи анбиё ба фармони анбиё мебошанд,
[33] Чунки Худо Худои ҳарҷумарҷ нест, балки Худои осоиштагист.
Дар ҳамаи калисоҳои муқаддасон ҳамин тавр аст.
[34] Бигзор занони шумо дар калисоҳо хомӯш бошанд; зеро ҷоиз
нест, ки сухан ронанд, балки бояд мутеъ бошанд, чунон ки Таврот
низ мегӯяд+.
[35] Лекин агар онҳо хоҳанд чизе ёд гиранд, бигзор дар хона аз
шавҳари худ бипурсанд; зеро ки дар калисо сухан рондани зан аз рӯи
одоб нест.
[36] Магар каломи Худо аз шумо баромадааст? Ё ки он танҳо ба шумо
расидааст?
[37] Агар касе худро набӣ ё рӯҳонӣ ҳисоб кунад, вай бигзор
бифаҳмад, ки он чи ман ба шумо менависам, аҳкоми Худованд аст;
[38] Ва агар касе нафаҳмад, бигзор нафаҳмад.
[39] Хуллас, эй бародарон, иштиёқманди он бошед, ки нубувват
кунед, ва ба забонҳо сухан ронданро манъ накунед;+
[40] Лекин ҳамааш бояд бо тартибу интизом ба амал ояд+.

## Эҳьёи мурдагон.

## 1. Ҳақиқӣ будани эҳьёи Масеҳ.

**15** [1] Ва ман, эй бародарон, ба шумо Инҷилро хотиррасон мекунам, ки онро ба шумо башорат додаам, ва шумо онро қабул кардаед, ва дар он устувор ҳастед,

[2] Ва дар он наҷот меёбед, ба шарте ки он чиро, ки ба шумо башорат додаам, риоя кунед, ба шарте ки имонатон бар абас набошад+.

[3] Зеро ки дар аввал он чиро, ки низ қабул кардаам, ба шумо супурдаам, ки яъне Масеҳ, мувофиқи Навиштаҳо, барои гуноҳҳои мо мурд,+

[4] Ва Ӯ дафн карда шуд ва, мувофиқи Навиштаҳо, дар рӯзи сеюм эҳьё шуд,+

[5] Ва ба Кифо ва баъд ба он дувоздаҳ нафар зоҳир шуд;+

[6] Пас аз он ба зиёда аз панҷсад нафар бародарон дар як вақт зоҳир шуд, ки қисми зиёди онҳо то ҳол зиндаанд, вале баъзе вафот кардаанд;

[7] Пас аз он ба Яъқуб, инчунин ба ҳамаи ҳаввориён зоҳир шуд;+

[8] Ва пас аз ҳама ба ман низ, ки гӯё тифли хоме будам, зоҳир зуд+.

[9] Зеро ки ман хурдтарини ҳаввориёнам, ва сазовори он нестам, ки ҳаввориӣ номида шавам, чунки калисои Худоро таъқиб мекардам+.

[10] Аммо ба файзи Худо он чи ҳастам, ҳастам; ва файзи Ӯ дар ман бар абас набуд, лекин ман аз ҳамаи онҳо зиёдтар меҳнат кардам; аммо на ман, балки файзи Худо, ки бо ман аст+.

[11] Хуллас, хоҳ ман ва хоҳ онҳо, ҳамин тавр мавъиза мекунем, ва шумо ҳамин тавр имон овардед.

## 2. Ба муқобили раддияи эҳьё.

[12] Лекин агар дар бораи Масеҳ мавъиза карда мешавад, ки Ӯ аз мурдагон эҳьё шуд, пас чӣ тавр баъзе аз шумо мегӯянд, ки эҳьёи мурдагон нест+?

[13] Агар эҳьёи мурдагон набошад, Масеҳ низ эҳьё нашудааст;

[14] Ва агар Масеҳ эҳьё нашуда бошад, мавъизаи мо низ бар абас аст, имони шумо низ бар абас аст.

[15] Дар айни ҳол мо низ шоҳидони козибе дар ҳаққи Худо мебудем, чунки дар ҳаққи Худо шаҳодат медодем, ки Ӯ Масеҳро эҳьё кардааст,

ва ҳол он ки, агар ҳақиқатан мурдагон эҳьё нашаванд, Ӯро эҳьё
накардааст;
16 Зеро, агар мурдагон эҳьё нашаванд, Масеҳ низ эҳьё нашудааст;
17 Ва агар Масеҳ эҳьё нашуда бошад, имони шумо бар абас аст:
шумо ҳанӯз дар гуноҳҳои худ мебошед;+
18 Бинобар ин онҳое ҳам, ки дар Масеҳ мурдаанд, нобуд шуданд+.
19 Ва агар мо фақат дар ҳамин ҳаёт ба Масеҳ умед мебаста бошем,
мо аз ҳамаи одамон бадбахттарем.
20 Аммо Масеҳ аз мурдагон эҳьё шуда, навбари мурдагон гардид+.
21 Зеро, чунон ки мамот ба воситаи инсон омад, эҳьёи мурдагон
низ ба воситаи инсон омад+.
22 Чунон ки дар Одам ҳама мемиранд, ончунон дар Масеҳ ҳама
зинда мешаванд.
23 Ҳар яке бо навбати худ: аввал Масеҳ, баъд онҳое ки аз они
Масеҳанд дар вақти омадани Ӯ+.
24 Баъд охират фаро мерасад, ки он вақт Ӯ Малакутро ба Худо ва
Падар месупорад ва ҳар гуна раёсат ва ҳар гуна қудрат ва қувватро
барҳам медиҳад;+
25 Зеро Ӯ бояд салтанат ронад то даме ки ҳамаи душманонро зери
пойҳои Худ сарнагун созад+.
26 Душмани охирине ки маҳв карда хоҳад шуд, мамот аст,
27 Чунки ҳама чизро зери пойҳои Ӯ мутеъ кардааст; вақте ки
мегӯянд: ҳама чиз ба Ӯ мутеъ карда шуд, равшан аст, ки ин ба
истиснои Он аст, ки ҳама чизро ба Ӯ мутеъ кардааст+.
28 Ҳангоме ки ҳама чиз ба Ӯ мутеъ карда шуд, он гоҳ Худи Писар
ҳам ба Он ки ҳама чизро ба Ӯ мутеъ кард, мутеъ хоҳад шуд, то ки
Худо кулл дар кулл бошад+.
29 Вагар на, онҳое ки барои мурдагон таъмид меёбанд, чӣ хоҳанд
кард? Агар мурдагон мутлақо эҳьё намешуда бошанд, чаро барои
мурдагон таъмид меёбанд?
30 Чаро мо низ ҳар соат ба мусибатҳо дучор мешавем+?
31 Эй бародарон, қасам ёд мекунам, ки ман ҳар рӯз бо марг рӯ ба
рӯ мешавам ва дар Худованди мо Исои Масеҳ ба шумо фахр дорам+.
32 Вақте ки ман, ба таври инсонӣ, дар Эфсӯс бо ҳайвоноти
дарранда ҷанг кардам, ба ман чӣ нафъ, агар мурдагон эҳьё намешуда

бошанд? Дар он сурат бихӯрем ва бинӯшем, зеро ки фардо ҳоҳем
мурд!+
[33] Фирефта нашавед: «Ёрони бад ахлоқи некро фосид мекунанд».
[34] Ба таври бояду шояд ҳушьёр шавед ва гуноҳ накунед; зеро, барои
хиҷил шуданатон мегӯям, ки баъзеҳо Худоро намешиносанд+.

## 3. Ҷисми эҳъё.

[35] Лекин касе мегӯяд: «Мурдагон чӣ гуна эҳьё мешаванд? Ва дар чӣ
гуна ҷисм меоянд?»+
[36] Эй беақл! Он чи ту мекорӣ, агар намирад, зинда намешавад;+
[37] Ва ҳангоме ки ту мекорӣ, на ҷисми ояндаро мекорӣ, балки
донаи урьёни гандум ё ягон гиёҳи дигарро;
[38] Лекин Худо ба он, аз рӯи хости Худ, ҷисм медиҳад, ва ба ҳар як
тухм ҷисми ба он хосе.
[39] На ҳар гуна гӯшт айни ҳамон гӯшт аст, балки гӯшти одамон
дигар аст, гӯшти чорпоён — дигар, гӯшти моҳиён — дигар, гӯшти
мурғон — дигар.
[40] Ҷисмҳои осмонӣ ва ҷисмҳои заминӣ ҳаст, лекин ҷалоли
ҷисмҳои осмонӣ дигар аст, ҷалоли ҷисмҳои заминӣ — дигар;
[41] Ҷалоли офтоб — дигар, ҷалоли моҳ — дигар, ҷалоли ситораҳо —
дигар; ва ситора аз ситора дар ҷалолаш фарқ дорад.
[42] Дар эҳьёи мурдагон низ ҳамин тавр аст: дар фано кошта
мешавад, дар бефаноӣ бармехезад;+
[43] Дар зиллат кошта мешавад, дар ҷалол бармехезад; дар заъф
кошта мешавад, дар қувват бармехезад;
[44] Ҷисми нафсонӣ кошта мешавад, ҷисми рӯҳонӣ бармехезад.
Ҷисми нафсонӣ ҳаст, ҷисми рӯҳонӣ низ ҳаст.
[45] Чунин навишта шудааст: «Одами аввалин, яъне Одам, ҷони
зинда гашт». Одами охирин рӯҳи ҳаётбахш аст+.
[46] Лекин рӯҳонӣ пештар нест, балки нафсонӣ ва баъд рӯҳонӣ.
[47] Одами якум аз замин аст, яъне хокист; одами дуюм Худованд
аст аз осмон+.
[48] Хокӣ чӣ гунае ки бошад, хокиён ҳамон гунаанд; осмонӣ чӣ
гунае ки бошад, осмониён ҳамон гунаанд;
[49] Ва чӣ гунае ки мо сурати одами хокиро ба худ гирифтаем,
сурати одами осмониро низ ба худ хоҳем гирифт+.

## 4. Дигаргун шудани имондорон.

## Ғалабаи охирин.

50 Лекин, эй бародарон, ҳаминро ба шумо мегӯям, ки гӯшт ва хун
наметавонанд ворисi Малакути Худо шаванд, ва фано вориси
бефаноӣ намешавад.
51 Ба шумо сирре мегӯям: ҳамаи мо наҳоҳем мурд, балки ҳама
тағьир хоҳем ёфт,+
52 Баногоҳ, дар як мижа задан, баробари садои карнаи охирин;
зеро карнай садо хоҳад дод, ва мурдагон ба таври бефано эҳьё хоҳанд
шуд, ва мо тағьир хоҳем ёфт,+
53 Зеро он чи фонист, бояд либоси бефаноӣ бипӯшад, ва он чи
миранда аст, — либоси ҷовидӣ бипӯшад+.

## Ғалабаи қатъӣ бар мамот.

54 Ва ҳар гоҳ ин фонӣ либоси бефаноӣ бипӯшад, ва ин миранда
либоси ҷовидӣ бипӯшад, он гоҳ ин каломе ки навишта шудааст, ба
амал хоҳад омад: «Ғалаба маргро фурӯ бурд»+.
55 «Эй марг! Неши ту куҷост? Эй дӯзах! Ғалабаи ту куҷост?»+
56 Неши марг гуноҳ аст, ва қуввати гуноҳ шариат аст+.
57 Худоро шукр, ки ба воситаи Худованди мо Исои Масеҳ ба мо
ғалаба бахшидааст!+
58 Хуллас, эй бародарони маҳбуби ман, матину устувор бошед,
ҳамеша дар кори Худованд ҷадал намоед, ва бидонед, ки меҳнати
шумо пеши Худованд бар абас нест.

## Пандҳои хотимавии ҳаввορӣ.

### 1. Ҷамъ кардани пул барои калисои Ерусалим.

16 1 Дар бобати ҷамъ кардани ионат барои муқаддасон шумо
онҷунон рафтор кунед, чунон ки ман ба калисоҳои Ғалотия
дастур додаам:+
2 Дар рӯзи якуми ҳафта бигзор ҳар яке аз шумо, мувофиқи
даромадаш, назди худ пасандоз карда нигоҳ дорад, то ки дар вақти
омаданам ба ҷамъ кардан хоҷат наафтад+.
3 Ва ҳангоме ки биёям, онҳоеро, ки шумо муносиб донед, бо
мактубҳо хоҳам фиристод, то ки хайроти шуморо ба Ерусалим
бибаранд+.
4 Ва агар рафтани ман ҳам салоҳ дониста шавад, онҳо ҳамроҳи
ман хоҳанд рафт.

### 2. Нақшаҳои сафар. Насиҳатҳо.

5 Пас аз он ки аз Мақдуния бигзарам, назди шумо хоҳам омад, зеро
аз Мақдуния хоҳам гузашт+.
6 Лекин эҳтимол дорад, ки муддате назди шумо бошам ё ҳатто
зимистонро гузаронам, то ба ҳар ҷое ки равам, шумо маро гусел
намоед.
7 Зеро намехоҳам, ки бо шумо ҳоло фақат дар сари роҳ дидорбинӣ
кунам, балки умедворам, ки агар Худованд изн диҳад, якчанд вақт
назди шумо бимонам.
8 Аммо то иди пантикост ман дар Эфсӯс хоҳам монд,+
9 Зеро ки дарвозаи бузургу фарохе барои ман кушода аст, ва
мухолифон бисьёранд.
10 Агар Тимотиюс ояд, бохабар бошед, ки ӯ назди шумо аз хатар
эмин бошад, зеро ки ӯ кори Худовандро ба ҷо меоварад, чунон ки
ман низ;+
11 Бинобар ин ҳеҷ кас ба ӯ беэътиноӣ накунад, балки ӯро ба
саломатӣ гусел кунед, то ки назди ман биёяд, зеро ки ӯро бо
бародарон мунтазирам.
12 Дар хусуси бародари мо Апӯллӯс бошад, ман аз ӯ бисьёр хоҳиш
кардам, ки бо бародарон назди шумо биёяд, вале ӯ ҳеҷ розигӣ надод,
ки алҳол биёяд, балки ҳар гоҳ фурсат ёбад, хоҳад омад+.

13 Ҳушьёр бошед, дар имон устувор бошед, мардвор ва матин
бошед;+
14 Бигзор ҳамаи корҳои шумо бо муҳаббат ба ҷо оварда шавад+.
15 Аз шумо, эй бародарон, илтимосе дорам: шумо хонаводаи
Истефанусро мешиносед, ки навбари Охоия ҳастанд ва худро ба
хизмати муқаддасон супурдаанд;+
16 Шумо низ нисбат ба ин гуна шахсон ва нисбат ба ҳар касе ки ба
онҳо кӯмак мерасонад ва меҳнат мекунад, эҳтиромкор бошед+.
17 Аз омадани Истефанус, Фортунатус ва Охойқӯс хурсандам: онҳо
камии шуморо барои ман пур карданд,
18 Зеро ки рӯҳи ману шуморо ором карданд. Чунин одамонро
иззату ҳурмат кунед.

## 3. Саломҳо.

19 Калисоҳои вилояти Осиё ба шумо салом мерасонанд; Акило ва
Прискила бо калисое ки дар хонаи онҳост, ба шумо саломи бисьёре
дар Худованд мерасонанд+.
20 Ҳамаи бародарон ба шумо салом мерасонанд. Ба якдигар бо
бӯсаи муқаддас салом расонед+.
21 Ман, Павлус, бо дасти худ салом мерасонам+.
22 Ҳар кӣ Исои Масеҳи Худовандро дӯст надорад, малъун бод;
мороното*+.
23 Файзи Исои Масеҳи Худованд бо шумо бод,
24 Ва муҳаббати ман бо ҳамаи шумо дар Исои Масеҳ бод. Омин.

---

* 3:13 **рӯз** доварӣ.

* 5:7 Яъне барраи фисҳ.

* 8:1 1. Яъне гӯшти ҳайвоноте ки барои бутҳо қурбонӣ карда
мешавад.

* 16:22 **Мороното** — ба забони қадими арамӣ: «Худованд меояд».

---

+ 1:2 Аъм. 18:1-17, Рум. 1:7

+ 1:5 2 Қӯр. 8:7, 2 Қӯр. 9:11

+ 1:7 Луқ. 17:30, 1 Тас. 3:13, 1 Тас. 4:16-18, Фпл. 3:20

+ 1:8 Фпл. 1:6

+ 1:9 Юҳ. 17:21, 1 Юҳ. 1:3, 1 Тас. 5:24, 2 Тас. 3:3, Ибр. 10:23

+ 1:10 1 Қӯр. 11:18

+ 1:11 1 Қӯр. 3:3

+ 1:12 Аъм. 18:24, Аъм. 19:1, 1 Қӯр. 3:4-5, 1 Қӯр. 4:6, 1 Қӯр. 6:12, Тит. 3:13, Юҳ. 1:42

+ 1:13 Эфс. 4:4-5

+ 1:14 Аъм. 18:8, Рум. 16:23

+ 1:16 1 Қӯр. 16:15

+ 1:17 2 Қӯр. 10:10

+ 1:18 1 Қӯр. 2:1, 2 Қӯр. 2:15, Рум. 1:16

+ 1:19 Иш. 29:14

+ 1:20 Мас. 21:30, Иш. 44:25, Рум. 1:22, 1 Қӯр. 3:19

+ 1:22 Мат. 12:38, Марқ. 8:11, Юҳ. 2:18, Юҳ. 4:48, Юҳ. 6:30

+ 1:23 Ғал. 5:11

+ 1:24 1 Қӯр. 2:7, Қӯл. 2:3

+ 1:28 Яъқ. 2:5

+ 1:29 Рум. 3:27, Эфс. 2:9

+ 1:30 Эфс. 1:7, Фпл. 3:9

+ 1:31 Ирм. 9:24, 2 Қӯр. 10:17

+ 2:1 1 Қӯр. 1:18, 2 Қӯр. 2:15

+ 2:2 Ғал. 6:14

+ 2:3 2 Қӯр. 11:30, 2 Қӯр. 12:5, Ғал. 4:13

+ 2:4 1 Қӯр. 4:20

+ 2:5 2 Қӯр. 4:7, 2 Қӯр. 6:7

+ 2:6 Фпл. 3:15

+ 2:7 Қӯл. 2:3

+ 2:8 Юҳ. 7:48, Аъм. 13:27

+ 2:9 Иш. 52:15, Иш. 64:4, Иш. 65:17

+ 2:10 Мат. 16:17, 1 Юҳ. 2:20

+ 2:11 Мас. 20:27

+ 2:12 Рум. 8:15

+ 2:13 2 Қӯр. 1:12, Юҳ. 6:45

+ 2:14 Юҳ. 14:17, Рум. 8:7

+ 2:16 Иш. 40:13, Рум. 11:34

+ 3:2 1 Пет. 2:2, Ибр. 5:13

+ 3:3 1 Қӯр. 1:10-11, Ғал. 5:19-20

+ 3:5 Аъм. 18:24, Аъм. 19:1, 1 Қӯр. 1:12, 1 Қӯр. 4:6, 1 Қӯр. 16:12, Эфс. 3:7, Қӯл. 1:25

+ 3:6 Аъм. 18:4-11, Аъм. 18:27-28, Юҳ. 4:36-38

+ 3:7 Ғал. 6:3

+ 3:8 Мат. 16:27, 2 Юҳ. 1:8

+ 3:9 2 Қӯр. 6:1, Эфс. 2:20-22

+ 3:10 Рум. 15:20

+ 3:11 Иш. 28:16, Эфс. 2:20, Қӯл. 2:7, Ваҳй 21:14

+ 3:13 1 Қӯр. 1:7, 1 Қӯр. 4:5, 1 Пет. 1:7

+ 3:15 Ом. 4:11, Зак. 3:2

+ 3:16 Рум. 8:9, 1 Қӯр. 6:19, 2 Қӯр. 6:16

+ 3:17 Эфс. 2:21

+ 3:19 Мас. 21:30, Иш. 44:25, 1 Қӯр. 1:20, Айюб 5:13

+ 3:20 Заб. 93:10-11

+ 3:23 2 Қӯр. 10:7, Ғал. 3:29

+ 4:4 Аъм. 23:1, Айюб 9:2, Айюб 9:15

+ 4:5 Мат. 7:1, Рум. 2:1, Айюб 12:22, Воиз 12:14, Дон. 2:22, 2 Қӯр. 10:18

+ 4:6 Аъм. 18:24, Аъм. 19:1, 1 Қӯр. 1:12, 1 Қӯр. 3:5

+ 4:7 Юҳ. 3:27

+ 4:8 Ҳуш. 12:8, Зак. 11:5, Ваҳй 3:17

+ 4:9 Рум. 8:36

+ 4:10 2 Қӯр. 11:19, 2 Қӯр. 13:9

+ 4:11 2 Қӯр. 11:27, Фпл. 4:12

+ 4:12 Аъм. 18:3, Мат. 5:44, 1 Пет. 3:9, Рум. 12:14

+ 4:14 2 Қӯр. 6:13

+ 4:15 Филем. 1:10

+ 4:16 1 Қӯр. 11:1, 1 Тас. 3:7, 2 Тас. 3:7

+ 4:17 Аъм. 16:1, 1 Қӯр. 16:10, 1 Тим. 1:2

+ 4:19 1 Қӯр. 11:34, 1 Қӯр. 16:5, 2 Қӯр. 1:15-16

+ 4:20 1 Қӯр. 2:4

+ 4:21 2 Қӯр. 10:2, 2 Қӯр. 13:2

+ 5:1 2 Қӯр. 12:21, Иб. 18:8, Так. Шар. 22:30, Так. Шар. 27:20, Ом. 2:7

+ 5:3 Қӯл. 2:5

+ 5:5 2 Қӯр. 2:6, 1 Тим. 1:20, Мас. 23:14

+ 5:6 Мат. 13:33, Луқ. 13:21, Ғал. 5:9

+ 5:7 Хур. 12:15, Так. Шар. 16:3

+ 5:8 Марқ. 8:15, Луқ. 12:1

+ 5:9 Эфс. 5:11, 2 Тас. 3:14

+ 5:11 2 Тас. 3:6

+ 5:12 Марқ. 4:11, Так. Шар. 17:7

+ 6:1 Мат. 18:17

+ 6:2 Мат. 19:28

+ 6:5 1 Қӯр. 15:34

+ 6:7 Мат. 5:39-40

+ 6:9 Ғал. 5:21, Эфс. 5:5, Хур. 20:14, Ибр. 13:4

+ 6:10 Марқ. 7:21-23, Ғал. 5:19-21

+ 6:11 Эфс. 2:2, Юҳ. 13:8, Эфс. 5:26, Тит. 3:5, Ибр. 10:22

+ 6:12 1 Қӯр. 10:23

+ 6:15 Эфс. 5:30

+ 6:16 Ҳас. 2:24, Марқ. 10:7-8, Эфс. 5:31

+ 6:17 Эфс. 4:4

+ 6:18 Ғал. 5:19, Эфс. 5:3, 1 Тас. 4:3

+ 6:19 Рум. 14:7

+ 6:20 2 Пет. 2:1, 1 Қӯр. 7:23

+ 7:3 Хур. 21:10

+ 7:5 Хур. 19:15, 1 Вақ. 21:1, Мат. 4:3, 1 Тас. 3:5

+ 7:6 2 Қӯр. 8:8

+ 7:7 Мат. 19:11-12, 1 Қӯр. 12:4, 1 Пет. 4:10

+ 7:9 1 Тим. 5:14

+ 7:10 Мал. 2:16, Марқ. 10:9

+ 7:11 Марқ. 10:11

+ 7:12 Эзр. 10:3, Эзр. 10:11

+ 7:14 Мал. 2:15

+ 7:16 1 Пет. 3:1

+ 7:18 Аъм. 15:1-2, Ғал. 5:2

+ 7:19 Рум. 2:28-29, Ғал. 3:28, Ғал. 5:6, Қӯл. 3:11

+ 7:22 Юҳ. 8:32, Яъқ. 2:12, 1 Пет. 2:16, Рум. 6:18, 2 Қӯр. 3:17, Ғал. 5:1, Филем. 1:16, Рум. 6:22

+ 7:23 1 Қӯр. 6:20, Иб. 25:42, Иб. 25:55

+ 7:25 2 Қӯр. 8:10-11

+ 7:30 2 Қӯр. 6:10

+ 7:31 1 Пет. 4:7, 1 Юҳ. 2:17

+ 7:32 Мат. 6:25, Луқ. 10:41

+ 7:38 Ибр. 13:4

+ 7:39 Рум. 7:2

+ 8:1 Аъм. 15:20, Аъм. 15:29, 1 Қӯр. 13:4-13

+ 8:2 Ғал. 6:3

+ 8:3 Ғал. 4:9

+ 8:4 Так. Шар. 4:35, Так. Шар. 6:4-5, 1 Подш. 12:21, Иш. 41:24

+ 8:6 Мал. 2:10, Эфс. 4:6, Юҳ. 1:3, Рум. 11:36, Қӯл. 1:16, Ибр. 1:2

+ 8:7 1 Қӯр. 10:28-29

+ 8:8 Марқ. 7:19, Аъм. 10:12-15, Рум. 14:14

+ 8:10 Рум. 14:1, Аъм. 15:29, 1 Қӯр. 10:19, Ваҳй 2:14

+ 8:11 Рум. 14:15

+ 8:13 Рум. 14:21

+ 9:1 1 Тас. 2:6-7, Филем. 1:8, Аъм. 9:3-6

+ 9:4 2 Тас. 3:8-9

+ 9:5 Марқ. 6:3, Юҳ. 2:12, Юҳ. 7:3, Аъм. 1:14, 1 Қӯр. 9:5, Ғал. 1:19, Марқ. 1:30

+ 9:6 Аъм. 4:36, Аъм. 13:2, Аъм. 15:36, Ғал. 2:9

+ 9:7 2 Қӯр. 10:4, 2 Тим. 2:3, Мас. 27:18

+ 9:9 Так. Шар. 25:4, 1 Тим. 5:18

+ 9:10 Рум. 4:23-24, 2 Тим. 2:6

+ 9:11 Рум. 15:27, Ғал. 6:6

+ 9:13 Иб. 6:16, Иб. 6:26

+ 9:14 Луқ. 10:7, 1 Тим. 5:18

+ 9:15 Аъм. 18:3

+ 9:16 Рум. 1:14

+ 9:17 Ғал. 2:7

+ 9:18 2 Қӯр. 11:7, 2 Қӯр. 11:9

+ 9:19 2 Қӯр. 4:5

+ 9:20 Аъм. 16:3, Аъм. 21:23-26

+ 9:21 Рум. 2:12, Рум. 2:14, Ғал. 2:3

+ 9:22 2 Қӯр. 11:29, 1 Қӯр. 10:33

+ 9:24 Ғал. 5:7

+ 9:25 1 Пет. 5:4, Фпл. 3:14, 2 Тим. 2:5

+ 10:1 Хур. 13:21, Хур. 14:22

+ 10:3 Хур. 16:15, Хур. 16:35, Так. Шар. 8:3

+ 10:5 Ад. 14:29, Ад. 14:36-37

+ 10:6 Ад. 11:4-6, Заб. 77:18

+ 10:7 Хур. 32:6

+ 10:8 Ад. 25:1-9

+ 10:9 Заб. 94:9, Ад. 21:5-6

+ 10:10 Ад. 14:29-37

+ 10:11 Рум. 4:23

+ 10:12 Рум. 11:20-21

+ 10:13 1 Қӯр. 1:9, Айюб 5:19, Заб. 33:20, 2 Пет. 2:9

+ 10:14 1 Юҳ. 5:21

+ 10:16 Марқ. 14:22-23, Юҳ. 6:51, 1 Қӯр. 11:23-26

+ 10:17 Рум. 12:5, 1 Қӯр. 12:12-13, Эфс. 4:25

+ 10:18 Иб. 3:3, Иб. 7:15

+ 10:19 Аъм. 15:29, 1 Қӯр. 8:4, Ваҳй 2:14

+ 10:20 Так. Шар. 32:17, Заб. 105:37

+ 10:21 2 Қӯр. 6:15

+ 10:22 Так. Шар. 32:21, Воиз 6:10

+ 10:23 1 Қӯр. 6:12

+ 10:24 1 Қӯр. 13:5, Фпл. 2:21

+ 10:25 1 Қӯр. 8:7

+ 10:26 Заб. 23:1

+ 10:27 Луқ. 10:8

+ 10:30 Рум. 14:6

+ 10:31 Қӯл. 3:17

+ 10:32 1 Қӯр. 8:13, Рум. 14:13

+ 10:33 1 Қӯр. 9:22, 2 Қӯр. 12:14

+ 11:1 1 Қӯр. 4:16, 1 Тас. 1:6, 2 Тас. 3:7

+ 11:3 Эфс. 1:22, Эфс. 4:15, Ҳас. 3:16, Эфс. 5:23, Юҳ. 14:28, 1 Қӯр. 15:24

+ 11:5 4 Подш. 22:14, Луқ. 2:36, Аъм. 21:9

+ 11:6 Так. Шар. 21:12

+ 11:7 Ҳас. 1:26

+ 11:8 Ҳас. 2:21-23

+ 11:9 Ҳас. 2:18

+ 11:11 Ғал. 3:28

+ 11:15 Ад. 5:18

+ 11:18 1 Қӯр. 1:10-12

+ 11:19 1 Юҳ. 2:19

+ 11:22 Мас. 17:5

+ 11:23 Ғал. 1:12

+ 11:24 Луқ. 22:19

+ 11:25 Луқ. 22:20

+ 11:27 Юҳ. 6:53-56

+ 11:32 Мас. 3:12

+ 12:1 1 Қӯр. 14:1

+ 12:2 Эфс. 2:12

+ 12:3 1 Юҳ. 4:2-3

+ 12:4 Рум. 12:6, Эфс. 4:4-6

+ 12:5 Рум. 12:7

+ 12:6 Фпл. 2:13

+ 12:9 Мат. 17:20, 1 Қӯр. 13:2

+ 12:10 Марқ. 16:17, Аъм. 2:4, Аъм. 10:46, 1 Қӯр. 14:2

+ 12:12 Рум. 12:5, 1 Қӯр. 10:17, Эфс. 4:25

+ 12:13 Ғал. 5:6, Эфс. 2:14, Қӯл. 3:11

+ 12:26 Рум. 12:15

+ 12:27 Рум. 12:5, Эфс. 1:23, Эфс. 4:12, Қӯл. 1:18, Қӯл. 1:24

+ 12:28 Аъм. 11:27, Эфс. 4:11

+ 12:31 1 Қӯр. 14:1, 1 Қӯр. 14:39

+ 13:2 Аъм. 2:18, Мат. 17:20, Марқ. 11:23, 1 Қӯр. 12:9

+ 13:11 Эфс. 4:14

+ 13:12 Мат. 5:8, 1 Юҳ. 3:2, 1 Қӯр. 8:3, Ғал. 4:9

+ 14:1 1 Қӯр. 16:14, 1 Қӯр. 12:1

+ 14:5 Ад. 11:29

+ 14:8 Ад. 10:9

+ 14:15 Яъқ. 5:13, Эфс. 5:19

+ 14:16 2 Қӯр. 1:20, Ваҳй 3:14

+ 14:20 Эфс. 4:14, Мат. 18:3, 1 Қӯр. 2:6

+ 14:21 Иш. 28:11-12

+ 14:22 Аъм. 2:6

+ 14:23 Аъм. 2:13

+ 14:25 Иш. 45:14, Зак. 8:23

+ 14:26 2 Қӯр. 12:19, 2 Қӯр. 13:10

+ 14:29 1 Юҳ. 4:1, 1 Тас. 5:20-21

+ 14:34 1 Тим. 2:11-12, Ҳас. 3:16, 1 Пет. 3:1, Эфс. 5:22, Қӯл. 3:18

+ 14:39 1 Қӯр. 12:31, 1 Қӯр. 14:1

+ 14:40 Қӯл. 2:5

+ 15:2 Ғал. 3:4

+ 15:3 Иш. 53, Луқ. 24:27

+ 15:4 Заб. 15:10, Иш. 53:11

+ 15:5 Луқ. 24:34, Луқ. 24:36

+ 15:7 Аъм. 12:17, Луқ. 24:50, Аъм. 1:3-4

+ 15:8 2 Қӯр. 12:11

+ 15:9 Эфс. 3:7-8, Аъм. 8:3

+ 15:10 2 Қӯр. 11:23, Қӯл. 1:29

+ 15:12 Аъм. 23:8, 2 Тим. 2:18

+ 15:17 Рум. 4:25

+ 15:18 1 Тас. 4:16, Ваҳй 14:13

+ 15:20 1 Тас. 4:14, 2 Тим. 2:8, Аъм. 26:23, Қӯл. 1:18, Ваҳй 1:5

+ 15:21 Рум. 5:12-18

+ 15:23 1 Тас. 4:16

+ 15:24 1 Пет. 3:22, Рум. 8:38, Эфс. 1:21, Дон. 7:14, Дон. 7:27, Уб. 1:21, Зак. 14:9, Луқ. 1:33, Ваҳй 11:15

+ 15:25 Заб. 109:1, Ибр. 2:8

+ 15:27 Заб. 8:7, Эфс. 1:22

+ 15:28 Юҳ. 14:28, Эфс. 1:23, Қӯл. 3:11

+ 15:30 2 Қӯр. 11:26

+ 15:31 1 Тас. 2:19

+ 15:32 Иш. 22:13

+ 15:34 1 Қӯр. 6:5

+ 15:35 Ҳиз. 37:3

+ 15:36 Юҳ. 12:24

+ 15:42 Дон. 12:2, Фпл. 3:21, Қӯл. 3:1

+ 15:45 Ҳас. 2:7

+ 15:47 Ҳас. 2:7, Юҳ. 3:13, Юҳ. 6:38

+ 15:49 Ҳас. 5:3

+ 15:51 Фпл. 3:21

+ 15:52 Иш. 27:13, Мат. 24:31, 1 Тас. 4:16, Ваҳй 11:15, 1 Тас. 4:15, Фпл. 3:21

+ 15:53 2 Қӯр. 5:2-4

+ 15:54 Иш. 25:8

+ 15:55 Ҳуш. 13:14, 2 Тим. 1:10, Ибр. 2:14-15

+ 15:56 Рум. 4:15, Рум. 7:8

+ 15:57 Рум. 8:37

+ 16:1 Аъм. 24:17, Рум. 15:25-28, Ғал. 2:10

+ 16:2 Аъм. 20:7, Ваҳй 1:10, 2 Қӯр. 8:3, 2 Қӯр. 9:3

+ 16:3 Аъм. 18:27, 2 Қӯр. 3:1, Аъм. 24:17, Рум. 15:25-28

+ 16:5 Аъм. 19:21, 2 Қӯр. 1:16

+ 16:8 Хур. 23:16, Хур. 34:22, Иб. 23:15, Так. Шар. 16:9, Аъм. 2:1

+ 16:10 Аъм. 16:1, 1 Қӯр. 4:17

+ 16:12 Аъм. 18:24, Аъм. 19:1, 1 Қӯр. 1:12, 1 Қӯр. 3:5, 1 Қӯр. 4:6

+ 16:13 Мат. 25:13, 2 Тас. 2:15

+ 16:14 1 Қӯр. 14:1

+ 16:15 1 Қӯр. 1:16

+ 16:16 Фпл. 2:29, 1 Тас. 5:12-13, 1 Тим. 5:17

+ 16:19 Аъм. 18:2, Рум. 16:3, 2 Тим. 4:19

+ 16:20 Рум. 16:16

+ 16:21 Ғал. 6:11, Қӯл. 4:18, 2 Тас. 3:17, Филем. 1:19

+ 16:22 Рум. 9:3, Ғал. 1:8, Ваҳй 22:20

*НОМАИ ДУЮМИ*

*ҲАВВОРИИ МУҚАДДАС ПАВЛУС*

# БА ҚӮРИНТИЁН

1 2 3 4 5 6 7 8 9 10

11 12 13

## Худо — Падари марҳамат ва ҳар тасалло.

1 1 Павлус, ки бо иродаи Худо ҳаввории Исои Масеҳ аст, ва
бародари мо Тимотиюс, ба калисои Худо, ки дар Қӯринтӯс воқеъ
аст, ба ҳамаи муқаддасоне ки дар тамоми Охоия мебошанд:+
2 Файз ва осоиштагӣ аз ҷониби Падари мо Худо ва Исои Масеҳи
Худованд бар шумо бод.
3 Муборак аст Худо ва Падари Худованди мо Исои Масеҳ, Падари
марҳаматҳо ва Худои ҳар тасалло,+
4 Ки моро дар ҳар андӯҳи мо тасалло медиҳад, то ки мо
андӯҳгинонро дар ҳар андӯҳашон тасалло дода тавонем бо ҳамон
тасаллое ки худамон аз Худо меёбем.
5 Зеро ба андозае ки уқубатҳои Масеҳ дар мо зиёд мешавад,
тасаллои мо низ ба воситаи Масеҳ меафзояд+.
6 Агар андӯҳгин шавем, ин барои тасалло ва наҷоти шумост, ки он
ба воситаи дидани ҳамон уқубатҳое ба амал меояд, ки мо ҳам онҳоро
аз сар мегузаронем; ва агар тасалло ёбем, ин ҳам барои тасалло ва
наҷоти шумост;+
7 Ва умеди мо дар бораи шумо устувор аст, зеро медонем, ки ҳам
дар уқубатҳо ва ҳам дар тасалло шумо шарик ҳастед.
8 Зеро намехоҳем, ки шумо, эй бародарон, аз андӯҳе ки дар
вилояти Осиё ба сари мо афтод, бехабар бошед, ки он бар мо аз ҳад
зиёд, ба андозаи аз қувва берун гарон омад, ба тавре ки аз зиндагӣ
ҳам умеди худро кандем;+
9 Ва мо дар дили худ ҳукмномаи мамотро доштем, то ки ба
худамон таваккал накунем, балки ба Худои эҳьёкунандаи
мурдагон,+
10 Ки Ӯ моро аз чунин мамот халос кард ва ҳанӯз халос мекунад, ва
ба Ӯ умед мебандем, ки боз ҳам халос хоҳад кард,+
11 Бо мадади дуое ки шумо низ барои мо мегӯед, то ки барои он
эҳсоне ки бо шафоати касони бисьёр ба мо ато шудааст, касони
бисьёр барои мо шукргузор бошанд+.
12 Зеро фахри мо ин аст, ки виҷдони мо шаҳодат медиҳад, ки
нисбат ба ҷаҳон, алалхусус ба шумо дар беайбӣ ва самимияти илоҳӣ
рафтор кардаем, ва ин ба воситаи ҳикмати ҷисмонӣ набуд, балки аз
файзи Худо буд+.

## Ҳамаи ваъдаҳои Худо дар Исои Масеҳ аст.

13 Ва мо маҳз онро ба шумо менависем, ки шумо мехонед ва
мефаҳмед, ва умедворам, ки то ба охир хоҳед фаҳмид,+
14 Чунон ки ҳоло қисман фаҳмидаед, ки мо барои шумо мавриди
фахр хоҳем буд, чунон ки шумо низ барои мо, дар рӯзи Масеҳи
Худованди мо.
15 Ва бо ҳамин эътимод ман ният доштам аввал назди шумо
биёям, то ки дубора файз ёбед,+
16 Ва аз мавзеи шумо ба Мақдуния гузашта равам ва боз аз
Мақдуния назди шумо биёям, ва шумо маро ба Яҳудо гусел кунед+.
17 Пас, модоме ки чунин ният доштам, оё бемулоҳиза рафтор
кардам? Ё ки он чи ман иқдом менамоям, оё ба ҳасби ҷисм иқдом
менамоям, ба тавре ки дар ман гоҳ «оре, оре», гоҳ «не, не» мешавад?
18 Худо амин аст, ки сухани мо ба шумо гоҳ «оре», гоҳ «не»
набуд+.
19 Зеро Писари Худо Исои Масеҳ, ки мо, яъне ман ва Силвонус ва
Тимотиюс, дар миёни шумо Ӯро мавъиза намудаем, «оре» ва «не»
набуд, балки дар Ӯ фақат «оре» буд, —+
20 Зеро ки ҳамаи ваъдаҳои Худо дар Ӯ «оре» буд ва дар Ӯ «омин»
буд, — барои ҷалоли Худо, ба воситаи мо+.
21 Ва Он ки мову шуморо дар Масеҳ устувор мегардонад ва моро
тадҳин намудааст, Худост,
22 Ки Ӯ низ моро мӯҳр задааст ва гарави Рӯҳро дар дилҳои мо
андохтааст+.
23 Ман Худоро ба шоҳидӣ бар ҷони худ даъват менамоям, ки
шуморо амон дода, то ҳол ба Қӯринтӯс наомадаам,+
24 На ба он сабаб ки гӯё мо бар имони шумо ҳукмфармо мешуда
бошем; балки мо ба шодмонии шумо мадад мерасонем, зеро ки шумо
ба василаи имон устувор ҳастед.

## Тавбакунандаро афв намудан лозим аст, то ки тасаллӣ ёбад.

**2** 1 Ва ман дар дили худ қарор додам, ки назди шумо боз бо ғаму
ғусса наоям.
2 Зеро, агар ман шуморо ғамгин гардонам, кист, ки маро шод
мекарда бошад, ҷуз касе ки аз дасти ман ғамгин шудааст+?
3 Маҳз ҳаминро ба шумо навишта будам, ки мабодо дар омаданам
ғамгин шавам аз онҳое ки бояд боиси шодии ман бошанд; зеро бар
ҳамаатон эътимод дорам, ки шодии ман шодии ҳамаи шумост.
4 Зеро ки аз бисьёрии андӯҳ ва дилтангӣ ба шумо бо ашки фаровон
навишта будам, на аз барои он ки шуморо ғамгин гардонам, балки
барои он ки муҳаббати зиёдеро, ки нисбат ба шумо дорам, дарк
намоед+.
5 Ва агар касе сабаби ғамгинӣ шуда бошад, маро ғамгин
накардааст, балки қисман, — то муболиға нашавад, — ҳамаи шуморо
ғамгин кардааст.
6 Барои чунин шахс басанда аст ин танбеҳе ки аз касони бисьёр
дидааст,+
7 Ва акнун, баръакс, шумо ӯро афв намоед ва тасалло диҳед, то ки
ғуссаи аз ҳад зиёд ӯро фурӯ набарад;
8 Бинобар ин аз шумо хоҳишмандам, ки ба ӯ муҳаббати худро
зоҳир намоед.
9 Зеро маҳз барои ҳамин ҳам навишта будам, то дар амал
бидонам, ки оё шумо дар ҳар бобат фармонбардор ҳастед.
10 Ва касеро шумо афв намоед, ман низ ӯро афв хоҳам кард; зеро
ки ман низ, агар касеро дар чизе афв карда бошам, ба хотири шумо ба
ҳузури Масеҳ афв кардаам,
11 То ки шайтон моро фирефта накунад; зеро ки аз дасисаҳои вай
бехабар нестем+.
12 Ва ҳангоме ки ман ба Трӯос омадам, то аз Масеҳ башорат диҳам,
агарчи дарвоза барои ман дар Худованд воз шуда буд,+
13 Барои рӯҳи худ оромӣ надоштам, чунки бародари худ Титусро
наёфтам; ва бо онҳо хайру маъзур намуда, ба Мақдуния равона
шудам+.

## Худо ба имондорон қувват мебахшад, то ки дар Масеҳ манмана намоянд.

14 Аммо Худоро шукр, ки Ӯ ҳамеша ба мо дар Масеҳ зафар
мебахшад ва накҳати дониши Худро ба воситаи мо дар ҳар ҷо паҳн
мекунад+.
15 Зеро ки мо барои Худо накҳати Масеҳ ҳастем, ҳам дар миёни
наҷотьёбандагон ва ҳам дар миёни нобудшавандагон:+
16 Он барои баъзе касон накҳати мамот аст, ки мамот меоварад, ва
барои касони дигар накҳати ҳаёт аст, ки ҳаёт меоварад. Ва кист, ки ба
ин лоиқ бошад?
17 Зеро мо мисли бисьёр касон нестем, ки каломи Худоро
харидуфурӯш мекунанд, балки аз самими қалб ва аз ҷониби Худо, ба
ҳузури Худо, дар Масеҳ мавъиза менамоем.

## Қӯринтиён номаи муаррифии ҳаввории мебошанд; ӯ ба ҳеҷ номаи дигар эҳтиёҷ надорад.

3 [1] Наход ки мо боз ҳудро муаррифӣ намоем? Наход ки мо,
мисли баъзе касон, ба номаҳои муаррифӣ ба шумо ё аз шумо
эҳтиёҷ дошта бошем+?
[2] Шумо номаи мо ҳастед, ки он дар дили мо навишта шудааст, ва
онро ҳамаи одамон мешиносанд ва мехонанд;
[3] Зеро ба ҳама маълум аст, ки шумо номаи Масеҳ ҳастед, ки он ба
воситаи хизмати мо на бо сиёҳӣ, балки бо Рӯҳи Худои Ҳай, на бар
лавҳаҳои сангин, балки бар лавҳаҳои гӯшти дил навишта шудааст+.
[4] Чунин аст эътимоди мо ба Худо ба василаи Масеҳ,
[5] На ба он сабаб ки мо лаёқат дорем чизеро аз худ фикр кунем, ки
он гӯё аз мо бошад, балки лаёқати мо аз Худост,

## Хизматгузории Аҳди Ҷадид аз ҳарфи мурдаи шариат иборат нест.

[6] Ки Ӯ ба мо лаёқат бахшидааст, ки хизматгузорони Аҳди Ҷадид
бошем, на бар тибқи ҳарф, балки бар тибқи Рӯҳ, зеро ки ҳарф
мекушад, аммо Рӯҳ зинда мекунад+.
[7] Лекин агар хизмати мамот, ки дар ҳарфҳо бар санг нақш баста
буд, он қадар ҷалол дошта бошад, ки банӣ-Исроил наметавонистанд
ба рӯи Мусо нигоҳ кунанд, ба сабаби ҷалоли рӯи ӯ, ки фонӣ буд, —+
[8] Пас оё хизмати Рӯҳ ҷалоли зиёдтаре надорад?
[9] Зеро, агар хизмати маҳкумкунӣ ҷалол дошта бошад, пас хизмати
сафедкунӣ хеле зиёдтар ҷалол дорад.
[10] Зеро ки ҳатто он чи соҳиби ҷалол диниста шудааст, ба сабаби ин
ҷалоли афзалиятнок, ҷалоле нахоҳад дошт.
[11] Зеро, агар чизи фонӣ ҷалол дошта бошад, пас чизи бақодор хеле
зиёдтар ҷалол дорад.
[12] Бинобар ин мо, ки чунин умед дорем, бо камоли ҷасорат амал
мекунем,
[13] Ва на монанди Мусо, ки ба рӯи худ парда мепӯшид, то ки банӣ-
Исроил ба анҷоми чизи фонӣ назар наандозанд.
[14] Аммо зеҳни онҳо кунд шудааст: зеро ки то имрӯз ҳангоми
хондани Аҳди Қадим ҳамон парда боқӣ мондааст ва бардошта

нашудааст, чунки он фақат дар Масеҳ ботил мешавад+.
[15] То имрӯз, вақте ки онҳо Мусоро мехонанд, парда бар дилашон гузошта шудааст;
[16] Аммо вақте ки ба Худованд рӯ меоваранд, парда бардошта мешавад+.
[17] Худованд Рӯҳ аст, ва ҳар куҷо Рӯҳи Худованд аст, он ҷо озодист+.
[18] Аммо ҳамаи мо, бо рӯи кушода, мисли он ки дар оина бошад, ба ҷалоли Худованд нигариста, ба ҳамон сурат аз ҷалол ба ҷалол табдил меёбем, ва ин аз Худованд, яъне аз Рӯҳ аст+.

## Хизматгузории масеҳӣ аз он иборат аст, ки одамонро бо дониши ҷалоли Худо ба воситаи Исои Масеҳ равшан намоем.

**4** [1] Бинобар ин мо, ки дорои чунин хизмат ҳастем, ки он аз рӯи
марҳамат ба мо ато шудааст, ноумед намешавем;+
[2] Аммо чизҳои махфии нангинро рад карда, макрро ба кор
намебарем ва каломи Худоро таҳриф намекунем, балки ростиро
ошкор карда, худро ба виҷдони ҳар кас ба ҳузури Худо вогузор
менамоем+.
[3] Вале агар башорати мо пӯшида бошад, он барои
нобудшавандагон пӯшида аст,+
[4] Барои беимонҳое ки худои ин дуньё зеҳнашонро кунд кардааст,
то ки нури башорати ҷалоли Масеҳ, ки Ӯ сурати Худост, барои онҳо
надурахшад+.
[5] Зеро ки мо на худро, балки Исои Масеҳро мавъиза менамоем, ки
Ӯ Худованд аст, ва мо ғуломони шумоем ба хотири Масеҳ,+
[6] Зеро Худое ки гуфт: «Аз зулмот нур бидурахшад», — Ҳамон аст,
ки дар дилҳои мо бидурахшид, то ки бо дониши ҷалоли Худо дар
шахси Исои Масеҳ моро мунаввар созад+.
[7] Лекин мо ин ганҷро дар зарфҳои гилин дорем, то маълум шавад,
ки бартарии қувват аз они Худо бошад, на аз ҷониби мо;+

## Таъқибот, уқубатҳо ва мамоте ки имондорон ба хотири Масеҳ аз сар мегузаронанд, ҷалоли абадиро ба вуҷуд меоварад.

[8] Мо аз ҳар ҷиҳат ба фишор дучор мешавем, вале дар тангӣ
нестем; ҳайронем, вале маъюс намешавем;+
[9] Гирифтори таъқиботем, вале партофта нашудаем; сарнагун
гардидаем, вале нобуд нашудаем;+
[10] Ҳамеша мамоти Исои Худовандро дар бадани худ бардошта
мегардем, то ки ҳаёти Исо низ дар бадани мо зоҳир шавад+.
[11] Зеро ки мо, зиндаҳо, доимо ба хотири Исо ба мамот супурда
мешавем, то ки ҳаёти Исо низ дар бадани мирандаи мо зоҳир
шавад,+
[12] Бинобар ин мамот дар мо амал мекунад, вале ҳаёт дар шумо.

[13] Аммо азбаски ҳамон рӯҳи имонро дорем, чунон ки навишта
шудааст: «Имон доштам, бинобар ин мегуфтам», мо низ имон дорем,
бинобар ин мегӯем,+
[14] Чун медонем, ки Эҳьёкунандаи Исои Худованд моро низ ба
василаи Исо эҳьё намуда, бо шумо ба по хоҳад хезонд+.
[15] Зеро ҳама чиз барои шумост, то файзе ки дар бисьёр касон
фаровон шудааст, шукргузории боз ҳам зиёдтарро барои ҷалоли
Худо ба амал оварад.
[16] Бинобар ин мо ноумед намешавем, ва агар одами зоҳирӣ дар мо
фано шавад, одами ботинӣ рӯз ба рӯз нав мешавад+.
[17] Зеро уқубати сабуки мо, ки кӯтоҳмуддат аст, ҷалоли абадиро
барои мо ба андозаи бениҳоят бузург ба вуҷуд меоварад,+
[18] Ҳангоме ки мо на ба чизҳои намоён, балки ба чизҳои нонамоён
нигоҳ мекунем: зеро ки он чи намоён аст, муваққатист, аммо он чи
нонамоён аст, абадист+.

## Ҳама бояд ба ҳузури доварии Масеҳ ҳозир шаванд.

**5** 1 Зеро медонем, ки агар хонаи заминии мо, ин хайма, хароб
шавад, мо иморате аз ҷониби Худо дорем, хонаи бо дасти одам
сохта нашудаи абадӣ, ки дар осмон аст.
2 Аз ин рӯ мо оҳ мекашем, дар орзуи он ки хонаи худро, ки дар
осмон аст, дар бар кунем:+
3 То ки мо, либосе дар бар дошта бошем ҳам, бараҳна ёфт
нашавем+.
4 Зеро мо, ки дар ин хайма мебошем, дар таҳти боре оҳ мекашем,
чунки намехоҳем либос кашем, балки дар бар кунем, то ки чизи
миранда ба воситаи ҳаёт фурӯ бурда шавад.
5 Худо моро маҳз барои ҳамин ба вуҷуд оварда, ба мо гарави Рӯҳро
додааст+.
6 Бинобар ин мо ҳамеша зиндадил ҳастем; чун медонем, ки то
даме ки дар ҷисм макон гирифтаем, мо аз Худованд дур мебошем, —
7 Зеро ки бо имон рафтор мекунем, на бо дидор, —+
8 Пас зиндадил ҳастем ва афзал медонем, ки аз ҷисм берун рафта,
назди Худованд макон гирем,
9 Ва ба ин сабаб саъю кӯшиш менамоем, ки хоҳ дар ин макон
бошем ва хоҳ набошем, ба Ӯ мақбул афтем;+
10 Зеро ҳамаи мо бояд пеши курсии доварии Масеҳ ҳозир шавем,
то ки ҳар яке ба бадали амале ки дар ҳаёти ҷисми худ кардааст, хоҳ
нек бошад ва хоҳ бад, бигирад+.
11 Пас, мо, ки тарси Худовандро медонем, ба мардум насиҳат
медиҳем; мо ба Худо ошкор ҳастем, ва умедворем, ки ба виҷдонҳои
шумо низ ошкорем+.
12 Худро ба шумо аз нав муаррифӣ намекунем, балки ба шумо
асосе медиҳем барои он ки бо мо фахр намоед, то шумо ҷавобе дошта
бошед барои онҳое ки бо чизи зоҳирӣ фахр менамоянд, на бо он чи
дар дил аст+.
13 Зеро, агар мо бехуд шуда бошем, ин барои Худост; ва агар
солимфикр бошем, ин барои шумост+.

## Худо дар Масеҳ аҳли ҷаҳонро бо Худ мусолиҳа дод.

14 Зеро муҳаббати Масеҳ моро водор менамояд, ки чунин
муҳокима ронем: Яке барои ҳама мурд, пас ҳама мурданд+.
15 Ва Ӯ барои ҳама мурд, то ки зиндаҳо акнун на аз барои худашон
зиндагӣ кунанд, балки барои Ӯ, ки аз барои онҳо мурд ва эҳьё шуд+.
16 Бинобар ин мо минбаъд ҳеҷ касро ба ҳасби ҷисм намешиносем.
Ва агар Масеҳро ба ҳасби ҷисм шинохта бошем, алҳол дигар
намешиносем.
17 Пас, касе ки дар Масеҳ аст, махлуқи навест; чизҳои қадима
гузаштааст, ва инак ҳама чиз нав шудааст+.
18 Ва ҳама чиз аз ҷониби Худост, ки моро ба воситаи Исои Масеҳ бо
Худ мусолиҳа дод ва хизмати мусолиҳаро ба мо супурд,+
19 Чунки Худо дар Масеҳ буда, аҳли ҷаҳонро бо Худ мусолиҳа дод,
ҷиноятҳои онҳоро ба ҳисобашон надаровард ва каломи мусолиҳаро
ба мо супурд+.
20 Пас, мо элчиёни Масеҳ ҳастем, гӯё ки Худо ба воситаи мо
хоҳишманд аст. Мо аз тарафи Масеҳ илтимос мекунем: бо Худо
мусолиҳа намоед+.
21 Зеро Ӯро, ки аз гуноҳ бехабар буд, барои мо қурбони гуноҳ сохт,
то ки мо дар Ӯ адолати Худо шавем+.

## Қуввати хизматгузорӣ ба Худо аз каломи ростӣ иборат аст.

6 1 Мо, ки мададгорони Ӯ ҳастем, аз шумо илтимос мекунем, ки
файзи Худоро бефоида қабул накунед+.
2 Зеро ки Ӯ мегӯяд:
«Дар вақти мусоид туро иҷобат намудам
ва дар рӯзи наҷот ба ту мадад кардам».
Инак алҳол вақти мусоид аст, инак алҳол рӯзи наҷот аст+.
3 Дар ҳеҷ чиз мо мамониат намерасонем, то ки хизмати мо ба
мазаммат дучор нашавад,
4 Балки дар ҳар чиз худро ҳамчун хизматгузорони Худо зоҳир
месозем: дар сабри бисьёр, дар мусибатҳо, дар мӯҳтоҷиҳо, дар
тангиҳо,+
5 Дар зери зарбаҳо, дар зиндонҳо, дар ошӯбҳо, дар меҳнатҳо, дар
бехобиҳо, дар рӯзадориҳо,
6 Дар покӣ, дар дониш, дар сабр, дар меҳрубонӣ, дар Рӯҳулқудс,
дар муҳаббати бериё,
7 Дар каломи ростӣ, дар қуввати Худо, бо аслиҳаи адолат дар
дасти рост ва чап,+
8 Дар шараф ва бешарафӣ, дар бадномӣ ва некномӣ; моро
фиребгар мешуморанд, лекин мо амин ҳастем;+
9 Мисли номашҳур, лекин мо ба ҳама машҳур ҳастем; мисли
мурдагон, вале инак, мо зинда ҳастем; ҷазо мебинем, лекин мо
намемирем;+
10 Мисли ғамгин, лекин мо ҳамеша шодӣ мекунем; бенаво, вале мо
бисьёр касонро сарватдор мегардонем; тамоман нодор, лекин мо
дорои ҳама чиз ҳастем+.

## Имондорон аз палид шудан ба воситаи гуноҳкорон худро бояд нигоҳ доранд.

11 Даҳони мо, эй қӯринтиён, сӯи шумо кушода шудааст, дили мо
фарох аст.
12 Барои шумо дар мо ҷой танг нест, лекин андаруни худатон ҷой
танг аст.
13 Дар ивази ин, — чун ба фарзандони худ мегӯям, — шумо низ
бояд фарохдил бошед+.

[14] Зери юғи бегона бо якҷоягии беимонон сар хам накунед. Зеро
ки адолат бо шарорат чӣ алоқае дорад? Ва нур бо зулмот чӣ
умумияте дорад+?
[15] Масеҳ бо блияал* чӣ созгорӣ дорад? Ё имондор бо беимон чӣ
ширкате дорад+?
[16] Ва маъбади Худо бо бутҳо чӣ мувофиқат дорад? Зеро ки шумо
маъбади Худои Ҳай ҳастед, чунон ки Худо гуфтааст:
«Андаруни онҳо сокин шуда,
дар миёни онҳо роҳ хоҳам рафт;
ва Худои онҳо хоҳам буд, ва онҳо қавми Ман хоҳанд буд+.
[17] Бинобар ин аз миёни онҳо берун оед ва ҷудо шавед,
мегӯяд Худованд, ва ба чизи нопок нарасед,
ва Ман шуморо қабул хоҳам кард;+
[18] Ва Падари шумо хоҳам буд,
ва шумо писарон ва духтарони Ман хоҳед буд,
мегӯяд Худованди Қодири Мутлақ»+.

## Ғами дунъёвӣ мамотро ба амал меоварад, вале ғаме ки Худо додааст, тавбаро дар роҳи наҷот ба амал меоварад.

**7** 1 Пас, эй маҳбубонам, дар сурате ки чунин ваъдаҳо дорем,
худамонро аз ҳар гуна наҷосати ҷисм ва рӯҳ тоза карда, қудсияти
худро дар тарси Худо мукаммал намоем+.
2 Дар дилҳои худ ба мо ҷой диҳед: мо касеро наранҷондаем, ба
касе осеб нарасондаем, аз касе истифода набурдаем+.
3 На аз барои мазаммат мегӯям: зеро пештар гуфта будам, ки
шумо дар дили мо ҳастед, то ки бо ҳам бимирем ва бо ҳам зист
кунем+.
4 Умеди ман аз шумо бисьёр аст, фахри ман аз шумо бузург аст; бо
вуҷуди тамоми андӯҳи мо, пур аз тасалло ҳастам ва шодии фаровон
дорам+.
5 Зеро, вақте ки ба Мақдуния ҳам омадем, ҷисми мо оромӣ
надошт, балки аз ҳар сӯ ба фишор дучор шудем: аз берун — ҷидолҳо,
аз дарун — ҳаросҳо буд+.
6 Аммо Худое ки ба фурӯтанон тасалло мебахшад, бо омадани
Титус моро тасалло дод,+
7 Ва на танҳо бо омадани ӯ, балки бо он тасаллое низ, ки ӯ дар
шумо ёфта буд, вақте ки аз иштиёқмандии шумо, аз навҳаи шумо ва
аз рашке ки шумо дар ҳаққи ман доред, ба мо нақл кард, ба тавре ки
ман боз зиёдтар шод шудам.
8 Бинобар ин, агар шуморо бо нома ғамгин карда бошам,
пушаймон нестам, гарчанде ки пештар пушаймон шуда будам; зеро
дидам, ки он нома шуморо, ба соате бошад ҳам, ғамгин кард+.
9 Алҳол ман шодам на аз он ки шумо ғамгин шудаед, балки аз он
ки ғами шумо боиси тавба гардидааст, зеро ки ғами шумо аз тарафи
Худо буд, ба тавре ки аз мо ҳеҷ зиёне надидаед.
10 Зеро ғаме ки Худо додааст, тавбаро дар роҳи наҷот ба амал
меоварад, ки аз он пушаймонӣ нест, лекин ғами дунъёвӣ мамотро ба
амал меоварад+.
11 Зеро бубинед, ки ғами Худо додаро хӯрданатон чӣ гуна ҷидду
ҷаҳдро, чӣ гуна узрхоҳиро, чӣ гуна тарсро, чӣ гуна шавқро, чӣ гуна
рашкро, чӣ гуна қасосро дар шумо ба амал овард! Ва дар ҳамааш
шумо нишон додед, ки дар ин кор пок ҳастед.

12 Хуллас, агарчи ман ба шумо навишта будам, ин на аз барои
золим ва на аз барои мазлум, балки барои он буд, ки ҷидду ҷаҳди мо
дар ҳаққи шумо ба ҳузури Худо ба шумо ошкор гардад+.
13 Ба ин сабаб мо аз тасаллои шумо тасалло ёфтем; лекин боз ҳам
зиёдтар мо аз шодии Титус шод шудем, чунки ҳамаатон рӯҳи ӯро
ором кардаед.
14 Зеро, агар ман дар бораи шумо пеши ӯ аз чизе фахр карда
бошам, хиҷил нашудам, балки, чунон ки мо ҳар гапро дар хусуси
шумо ба ростӣ гуфта будем, фахри мо низ ончунон пеши Титус рост
баромад.
15 Ва дили ӯ боз ҳам зиёдтар сӯи шумо моил мешавад, вақте ки
фармонбардории ҳамаатонро ба ёд меоварад, ки чӣ гуна шумо ӯро бо
тарсу ларз пазироӣ намудаед.
16 Пас шодмонам, ки дар ҳар бобат метавонам аз шумо дилпур
бошам.

## Меҳмоннавозӣ ва ионатҳо далели муҳаббати масеҳӣ мебошанд.

**8** [1] Шуморо, эй бародарон, дар бораи файзи Худо, ки ба
калисоҳои Мақдуния ато шудааст, огоҳ менамоем;
[2] Зеро ки дар миёни имтиҳони бузурги андӯҳҳо фаровонии шодии
онҳо ва бенавоии сахти онҳо дар ҳиммати баландашон пурра зоҳир
шуд;+
[3] Зеро ман шоҳиди онам, ки онҳо алоқадри қувваташон ва берун
аз қувваташон сахӣ буданд:+
[4] Онҳо бо камоли исрор аз мо илтимос карданд, ки дар кори хайр
ба мадади муқаддасон шарики мо бошанд;+
[5] Ва на фақат ба тавре ки мо чашм доштем, балки худашонро
пешкаш карданд, аввалан ба Худованд ва сониян ба мо низ мувофиқи
иродаи Худо;
[6] Бинобар ин мо аз Титус хоҳиш намудем, ки ӯ, чӣ тавре сар
кардааст, ҳамон тавр ин кори хайрро ҳам дар миёни шумо ба анҷом
расонад+.
[7] Аммо, чунон ки шумо дар ҳар чиз: дар имон ва калом, дар дониш
ва ҳар гуна ҷидду ҷаҳд ва дар муҳаббати худ нисбат ба мо афзунӣ
доред, ончунон дар ин кори хайр ҳам афзунӣ зоҳир намоед+.
[8] Инро ба таври фармон намегӯям, балки ба воситаи ҷидду ҷаҳди
дигарон самимияти муҳаббати шуморо низ меозмоям+.
[9] Зеро шумо файзи Худованди мо Исои Масеҳро медонед, ки Ӯ
сарватдор буда, барои шумо бенаво шуд, то ки шумо ба воситаи
бенавоии Ӯ сарватдор шавед+.
[10] Дар ин хусус ман фикри худро баён мекунам; зеро ки ин ба
шумо фоиданок аст, чунки на танҳо ба ин кор шурӯъ намудаед, балки
соли гузашта онро орзу ҳам карда будед+.
[11] Ва акнун худи корро низ ба оҳир расонед, то ки он чи шумо
орзуи ба амал овардан доштед, алоқадри ҳолатон анҷом ёбад.
[12] Зеро, кас агар ҳиммат дошта бошад, аз рӯи он чи ӯ дорад,
мақбул меафтад, на аз рӯи он чи ӯ надорад+.
[13] На он тавр, ки ба дигарон сабук ва ба шумо гарон афтад, балки
ба таври баробарӣ:

[14] Алҳол зиёдатии шумо камии онҳоро пур мекунад, то ки баъд
зиёдатии онҳо низ камии шуморо пур кунад, ва баробарӣ ба амал
ояд,+
[15] Чунон ки навишта шудааст: «Касе ки бисьёр ҷамъ карда буд,
зиёдатӣ надошт, ва касе ки кам ҷамъ карда буд, камӣ надошт»+.
[16] Худоро шукр, ки чунин ҷидду ҷаҳдро нисбат ба шумо дар дили
Титус ҷо кардааст,
[17] Зеро ки ӯ ба илтимоси мо гӯш андохт ва, азбаски ҷидду ҷаҳди
зиёде дошт, бо ихтиёри худ сӯи шумо равона шуд.
[18] Бо ӯ мо бародареро равона кардем, ки дар ҳамаи калисоҳо барои
башорат лоиқи таҳсин гардидааст,
[19] Ва ғайр аз ин, аз ҷониби калисоҳо таъин шудааст, ки дар ин
кори хайр ба мо ҳамроҳӣ кунад, ки ҳизмати онро мо барои ҷалоли
Худованд ва мувофиқи ҷидду ҷаҳди шумо ба ҷо меоварем,
[20] Ва эҳтиёт мекунем аз он ки касе дар ҳаққи мо бӯҳтоне нагӯяд,
оид ба ин ионати фаровоне ки бо ҳизмати мо ба даст оварда
мешавад;
[21] Зеро ки мо кори некро на танҳо ба ҳузури Худованд, балки пеши
мардум низ пешбинӣ мекунем.
[22] Бо онҳо мо бародари худро низ фиристодем, ки ҷидду ҷаҳди ӯро
дар бисьёр чизҳо дафъаи бисьёр имтиҳон намудаем, ва алҳол ҷидду
ҷаҳдаш, азбаски ӯ ба шумо эътимоди бузург дорад, боз ҳам зиёд
шудааст.
[23] Дар хусуси Титус бошад, ӯ рафиқ ва ҳамкори ман аст назди
шумо; дар хусуси бародарони мо бошад, онҳо фиристодагони
калисоҳо ва ҷалоли Масеҳ мебошанд.
[24] Пас, муҳаббати худро, ва он фахреро, ки мо аз шумо дорем,
пеши калисоҳо ба онҳо исбот кунед+.

## Калисои Қӯринтӯс дар ҷамъ кардани ионатҳо ҷидду ҷаҳди зиёде мекард.

9 [1] Дар бораи хизмате ки ба мадади муқаддасон аст, ба шумо
навиштанам зиёдатист,+
[2] Зеро ҷидду ҷаҳди шуморо медонам ва аз шумо пеши аҳли
Мақдуния фахр менамоям, ки Охоия аз соли гузашта тайёр шудааст;
ва иштиёқи шумо аксарияти онҳоро ба шавқ овард.
[3] Бародаронро барои он фиристодам, ки фаҳре ки мо аз шумо
дорем, беҳуда набарояд, то ки шумо, чунон ки гуфтаам, тайёр
бошед,+
[4] То ки, агар аз аҳли Мақдуния бо ман омада, шуморо нотайёр
ёбанд, мо, — намегӯям, ки «шумо», — аз чунин эътимоде ки бо он
фахр кардаем, хиҷил нашавем.
[5] Бинобар ин лозим донистам аз бародарон илтимос кунам, ки аз
ман пештар назди шумо рафта, хайроти ваъдагии шуморо пешакӣ
муҳайё кунанд, то ки он ҳамчун хайроте тайёр бошад, на ҳамчун
хироҷе.

## Худо он касро дӯст медорад, ки сахӣ бошад.

[6] Хуллас, касе ки хасисона мекорад, вай хасисона дарав мекунад,
ва касе ки саховатмандона мекорад, вай саховатмандона дарав
мекунад+.
[7] Бигзор ҳар кас ба дилхоҳи худ бидиҳад, на бо ғамгинӣ ва на ба
таври маҷбурӣ; зеро Худо он касро дӯст медорад, ки сахӣ бошад+.
[8] Ва Худо қодир аст ҳар гуна файзро дар шумо афзун кунад, то ки
шумо ҳамеша аз ҳар ҷиҳат ба қадри кофӣ қонеъ буда, барои ҳар кори
хайр афзунӣ зоҳир намоед,+
[9] Чунон ки навишта шудааст:
«Исроф намудааст: ба мискинон тақсим карда додааст;
кори хайраш то абад қоим аст»+.
[10] Ва Он ки барои коранда тухм ва барои хӯранда нон муҳайё
менамояд, кишти шуморо фаровон ва самари кори хайри шуморо
афзун хоҳад кард,
[11] То ки шумо дар ҳар чиз барои ҳар гуна саховат бой гардед, ки он
ба воситаи мо шукри Худоро ба амал меоварад+.

[12] Зеро ба ҷо овардани ин хизмат на танҳо норасогии
муқаддасонро пур мекунад, балки шукри Худоро низ бениҳоят афзун
мегардонад;
[13] Зеро ки, дар натиҷаи ин хизмат, онҳо Худоро ҳамду сано
мехонанд барои итоати шумо ба Инҷиле ки пайравӣ менамоед, ва
барои ҳиммати шумо дар ширкате ки бо онҳо ва бо ҳама доред,+
[14] Ва онҳо дар дуое ки дар ҳаққи шумо мегӯянд, барои файзи Худо,
ки дар шумо фаровон аст, иштиёқманди шумо мебошанд.
[15] Худоро шукр бод барои бахшоиши молокаломи Ӯ!

## Ҳар кӣ фахр мекунад, бигзор бо Худованд фахр кунад.

10 1 Лекин ман, Павлус, ки шахсан дар миёни шумо хоксорам,
вале ғоибона бар шумо ҷасорат дорам, шуморо бо фурӯтанӣ ва
меҳрубонии Масеҳ даъват менамоям,+
2 Ва илтимос мекунам, ки дар омадани худ он ҷасорати қатъиро
ба кор набарам, ки ният дорам ба муқобили баъзе касоне зоҳир
созам, ки ба гумонашон мо ба ҳасби ҷисм рафтор менамоем+.
3 Зеро ки мо, агарчи дар ҷисм зиндагӣ мекунем, ба ҳасби ҷисм
намеҷангем;
4 Зеро аслиҳаи ҷанги мо ҷисмонӣ нест, балки назди Худо
боиқтидор аст барои хароб кардани қалъаҳо;+
5 Мо дасисаҳо ва ҳар баландгириро, ки бар зидди дониши Худо
қиём мекунад, сарнагун месозем ва ҳар фикрро ба итоати Масеҳ асир
мекунем,
6 Ва тайёр ҳастем ҳар беитоатиро ҷазо диҳем, вақте ки итоати
шумо комил гардад.
7 Оё аз рӯи қиёфа ҳукм мекунед? Агар касе ба худаш эътимод
дорад, ки ӯ аз они Масеҳ аст, бигзор вай боз ҳам аз худаш қиёс гирад,
ки чунон ки вай аз они Масеҳ аст,ончунон мо низ аз они Масеҳ
ҳастем+.
8 Зеро, агар ман як қадар зиёдтар фахр намоям аз ихтиёре ки
Худованд барои буньёдкорӣ, на барои харобкории шумо, ба мо
додааст, хиҷил нахоҳам шуд,+
9 То ба назар чунин нанамояд, ки гӯё ман шуморо бо номаҳо
тарсонда истодаам,
10 Чунки мегӯянд: «Дар номаҳо ӯ ҷиддӣ ва зӯровар аст, аммо
ҳузури шахсии ӯ заиф, ва нутқаш ночиз аст»+.
11 Чунин шахс бидонад, ки мо дар каломи номаҳои ғоибона чӣ
гунае ки бошем, амалан, дар хузури шахсӣ низ ҳамон гунаем.
12 Зеро ки мо ҷуръат намекунем худро бо касони худсито муқоиса
намоем ё баробар кунем: онҳое ки худро бо худ андоза мекунанд ва
худро бо худ муқоиса менамоянд, хирад надоранд.
13 Лекин мо берун аз андоза фахр наҳоҳем кард, балки ба андозаи
он ҳадде ки Худо барои мо муайян кардааст, то ки ба шумо ҳам
бирасем.

14 Мо аз ҳадди худ намегузарем, ки гӯё ба шумо нарасида бошем,
зеро ки бо Инҷили Масеҳ ба шумо ҳам расидаем.
15 Мо берун аз андоза бо меҳнатҳои дигарон фахр намекунем,
лекин умед дорем, ки ҳар қадар имонатон зиёдтар шавад, ҳадди кори
мо низ дар миёни шумо афзоиш хоҳад ёфт,
16 То ки дар ҷойҳои аз шумо дуртар ҳам Инҷилро мавъиза намоем
ва бо он чи дар ҳадди кори дигарон муҳайё шудааст, фахр накунем.
17 Ва ҳар кӣ фахр мекунад, бигзор бо Худованд фахр кунад+.
18 Зеро на он кас арзанда аст, ки худро ситоиш мекунад, балки он
кас, ки Худованд ӯро ситоиш мекунад+.

## Бо Худованд фахр кардан кашида гирифта намешавад.

11 1 Кошки беақлии маро як қадар таҳаммул кунед! Лекин маро
таҳаммул ҳам мекунед+.
2 Зеро ман дар ҳаққи шумо бо рашки Худо рашк менамоям, чунки
шуморо ба марди ягонае номзад сохтаам, то ки чун бокираи поке ба
Масеҳ пешниҳод намоям+.
3 Аммо тарси он дорам, ки чӣ тавре ки мор бо макри худ Ҳавворо
фирефта намуд, ҳамон тавр афкори шумо низ фосид шуда, аз
самимияте ки дар Масеҳ аст, рӯ хоҳад тофт+.
4 Зеро, агар касе омада, Исои дигареро мавъиза намояд, ғайр аз
Он, ки мо Ӯро мавъиза кардем, ё шумо рӯҳи дигаре гиред, ғайр аз он
ки гирифтед, ё башорати дигаре, ғайр аз он чи қабул кардед, — шумо
онро ба хубӣ таҳаммул менамоед+.
5 Аммо ман гумон мекунам, ки аз он ҳаввориёни олӣ ҳеҷ камӣ
надорам:+
6 Агарчи дар нутқ моҳир нестам, аммо на дар дониш. Лекин мо аз
ҳар хусус ба шумо комилан маълум ҳастем+.

## Беғаразии ҳавворӣ дар башорати Инҷил.

7 Оё ман гуноҳ кардам, ки худро ҳақир сохтам, то ки шуморо
сарбаланд гардонам, чунки Инҷили Худоро ба шумо муфт мавъиза
намудам+?
8 Ман боиси харҷи калисоҳои дигар гардида, аз онҳо музд
гирифтам, то ки хизмати шуморо ба ҷо оварам; ва ҳангоме ки назди
шумо будам, мӯҳтоҷӣ кашида бошам ҳам, ба касе гаронӣ накардам,
9 Зеро бародароне ки аз Мақдуния омаданд, норасогии маро пур
карданд; худам низ саъю кӯшиш намудам ва хоҳам намуд, ки дар ҳеҷ
чиз ба шумо гаронӣ накунам+.
10 Ба ростии Масеҳ, ки дар ман аст, мегӯям: ин фахр дар
кишварҳои Охоия аз ман кашида гирифта намешавад+.
11 Аз чӣ сабаб? Оё аз он сабаб ки ман шуморо дӯст намедорам?
Худо медонад!
12 Аммо он чи мекунам, боз ҳам хоҳам кард, то баҳонаи одамонеро
беасос кунам, ки баҳона меҷӯянд, то дар он чи фахр мекунанд, худро
бо мо баробар созанд.

## Павлус, назар ба душманонаш, бештар уқубат кашидааст.

13 Зеро ки онҳо ҳаввориёни козиб ва арбобони маккор ҳастанд, ки
шакли ҳаввориёни Масеҳро мегиранд+.
14 Ва ин тааҷҷубовар нест: зеро ки худи шайтон шакли фариштаи
нурро мегирад+.
15 Бинобар ин кори бузург нест, ки агар хизматгузорони вай низ
шакли хизматгузорони адолатро бигиранд; лекин фарҷомашон аз
рӯи аъмолашон хоҳад буд+.
16 Боз мегӯям: касе маро беақл надонад; ва агар ин тавр набошад,
пас маро лоақал ҳамчун беақле қабул кунед, то ки ман ҳам андаке
фахр намоям+.
17 Он чи мегӯям, на аз рӯи тариқи Худованд мегӯям, балки гӯё аз
рӯи беақлӣ, бо чунин эътимоде ки дар фахр аст.
18 Чӣ тавре ки бисьёр касон ба ҳасби ҷисм фахр мекунанд, ман низ
фахр хоҳам кард+.
19 Зеро шумо, ки оқил ҳастед, беақлонро бо майли тамом
таҳаммул менамоед+.
20 Зеро, агар касе шуморо ғулом гардонад, агар касе ҳаққи шуморо
хӯрад, агар касе шуморо ғорат кунад, агар касе худро баланд гирад,
агар касе шуморо торсакӣ занад, шумо ӯро таҳаммул менамоед+.
21 Бо хиҷолат мегӯям, ки гӯё қуввати мо ба ин корҳо нарасидааст.
Лекин агар касе дар чизе ҷуръат дошта бошад, аз рӯи беақлӣ мегӯям,
ки ман низ ҷуръат дорам.
22 Онҳо ибронӣ ҳастанд? Ман низ ҳастам. Исроилӣ ҳастанд? Ман
низ ҳастам. Насли Иброҳим ҳастанд? Ман низ ҳастам+.
23 Хизматгузорони Масеҳ ҳастанд? Мисли касе ки ҳолати ҷунун
дорад, мегӯям, ки ман боз ҳам бештар ҳастам: дар меҳнатҳо —
бештар, дар зери зарбаҳо — аз андоза берун, дар зиндонҳо — бештар,
дар чанголи аҷал — дафъаи бисьёр+.
24 Панҷ маротиба аз дасти яҳудиён як кам чилтагӣ тозиёна
хӯрдам;
25 Се бор маро калтаккорӣ карданд, як карат сангсор карданд, се
карат киштии ман ғарқ шуда, шабу рӯзро дар қаъри баҳр
гузарондам;+

26 Дафъаи бисьёр дар сафарҳо будам, дар хатарҳои дарьёҳо, дар
хатарҳои роҳзанон, дар хатарҳо аз ҷониби қавми худ, дар хатарҳо аз
ҷониби халқҳо, дар хатарҳо дар шаҳр, дар хатарҳо дар биёбон, дар
хатарҳо дар баҳр, дар хатарҳо дар миёни бародарони козиб,+
27 Дар меҳнат ва дар аҷз, аксар вақт бе хоб, дар гуруснагӣ ва
ташнагӣ, аксар вақт дар рӯзадорӣ, дар сармо ва дар бараҳнагӣ+.
28 Ғайр аз чизҳои дигар, шабу рӯз ғамхорӣ дар бораи ҳамаи
калисоҳо бар зиммаи ман аст.
29 Касе беҳол шавад, ман беҳол намешавам? Касе ба васваса афтад,
ман намесӯзам+?
30 Агар фахр кардан лозим бошад, аз заъфи худ фахр мекунам.
31 Худо ва Падари Худованди мо Исои Масеҳ, ки то абад муборак
аст, медонад, ки дурӯғ намегӯям.
32 Дар Димишқ волии подшоҳ Аретас шаҳри димишқиёнро
посбонӣ мекард, то ки маро дастгир намояд; ва маро аз тиреза дар
сабаде аз болои қалъа фуроварданд, ва ман аз дасти вай халос
шудам+.

## Қуввати файзи Масеҳ дар заъфи имондор ба амал меояд.

**12** 1 Агарчи фахр карданам фоида надорад, ба рӯъёҳо ва
ваҳйҳои Худованд меоям+.
2 Шахсеро дар Масеҳ мешиносам, ки чордаҳ сол пеш аз ин, — оё
дар ҷисм буд, намедонам; оё берун аз ҷисм буд, намедонам, Худо
медонад, — то осмони сеюм бурда шуд.
3 Ва ин шахсро мешиносам, — оё дар ҷисм буд, намедонам; оё
берун аз ҷисм буд, намедонам, Худо медонад, —
4 Ки ба биҳишт бурда шуд ва суханони молокаломе шунид, ки ба
одамизод ҷоиз нест онҳоро ифода намояд.
5 Аз чунин шахс фахр хоҳам кард; лекин аз худам, ҷуз аз
заъфҳоям, фахр намекунам.
6 Зеро, агар фахр кардан хоҳам, беақл намешавам, чунки рости
гапро мегӯям; лекин худдорӣ менамоям, то касе дар ҳаққи ман аз он
чи дар ман мебинад ё аз ман мешунавад, зиёдтар гумон накунад.
7 Ва барои он ки ман ба сабаби фавқулоддагии ин ваҳйҳо худро
баланд нагирам, неше дар ҷисми ман ҷой дода шудааст, яъне қосиди
шайтон барои нихта задани ман, то ки худро баланд нагирам+.
8 Се маротиба ман ба Худованд тазаррӯъ намудам, ки онро аз ман
дур кунад,
9 Вале ба ман гуфт: «Барои ту файзи Ман басанда аст, зеро ки
қуввати Ман дар заъф комил мешавад». Ба ин сабаб ман бо рағбати
бештар аз заъфҳои худ фахр менамоям, то ки қуввати Масеҳ дар ман
сокин гардад+.
10 Бинобар ин ман аз заъфҳо, озорҳо, мӯҳтоҷиҳо, таъқиботҳо ва
ситамҳое ки ба хотири Масеҳ мебинам, дилшодам, зеро ки дар
ҳолати заъф боқувватам+.
11 Бо фахр карданам то ба дараҷаи беақлӣ расидаам: шумо маро
маҷбур сохтед. Шуморо лозим буд маро мадҳ менамудед, зеро ки
ман аз ҳаввориёни олӣ дар ҳеҷ бобат камӣ надорам, гарчанде ки
ҳеҷам:+
12 Нишонаҳои ҳаввориӣ дар миёни шумо бо камоли сабр дар
аломот, мӯъҷизот ва қувваҳо нишон дода шуд+.
13 Зеро дар чӣ шумо аз калисоҳои дигар камӣ доред? Магар фақат
дар он ки ман ба шумо гаронӣ накардаам? Ин гуноҳи маро афв

намоед!+

## Павлуси ҳаввори барои ибрат гирифтани имондорон нома менависад.

14 Инак, дафъаи сеюм аст, ки ман тайёрам назди шумо биёям, ва
ба шумо гаронӣ нахоҳам кард, чунки на чизу чораи шуморо, балки
худатонро талабгорам. Зеро ки на фарзандон бояд барои падарону
модарони худ саришта кунанд, балки падарону модарон барои
фарзандон+.
15 Ман бо майли тамом барои ҷонҳои шумо моли худро сарф
намуда, ҷони худро хоҳам дод, қатъи назар аз он ки ба бадали
муҳаббати зиёде ки ба шумо дорам, аз ҷониби шумо ба худам
муҳаббати камтаре мебинам+.
16 Фарз кунем, ки ман ба шумо гаронӣ накардаам, лекин, ҳамчун
шахси муғамбир, шуморо бо макр ба дом даровардаам+.
17 Оё ба воситаи яке аз онҳое ки назди шумо фиристодам, фоидае
аз шумо ба даст овардам?
18 Аз Титус илтимос намуда, бародареро бо ӯ равона кардам: магар
Титус аз шумо фоидае ба даст овард? Оё мо дар як рӯҳ рафтор
накардем+?
19 Оё гумон доред, ки мо худро пеши шумо сафед карда истодаем?
Мо ба ҳузури Худо, дар Масеҳ сухан меронем, ва ҳамаи ин, эй
маҳбубонам, барои ибрат гирифтани шумост+.
20 Зеро метарсам, ки дар омаданам мабодо шуморо, essence
меҳоҳам, наёбам, шумо низ маро, essence меҳоҳед, наёбед;
мабодо низоъ, ҳасад, ҳашм, ҷанҷол, бӯҳтон, ғайбат, ғурур ва
бетартибиҳо мавҷуд бошад;
21 Мабодо боз, вақте ки оям, Худои ман маро назди шумо ҳақир
созад, ва ман азо гирам барои бисьёр касоне ки пештар гуноҳ
кардаанд ва аз нопокӣ, зино ва фисқу фуҷуре ки ба амал овардаанд,
тавба накардаанд+.

## Имондоронро лозим аст, ки худро дар қуввати файзи Масеҳ тафтиш ва имтиҳон кунанд.

**13** [1] Дафъаи сеюм аст, ки назди шумо меоям: бо гувоҳии ду ё се
шоҳид ҳар сухан исбот хоҳад шуд+.
[2] Онҳоеро, ки пештар гуноҳ кардаанд, ва ҳамаи дигаронро, — ҳам
он вақт, ки дафъаи дуюм омада будам, ва ҳам ҳоло, ки ғоиб ҳастам, —
таъкид намудаам ва таъкид менамоям, ки агар боз оям, амон
нахоҳам дод.
[3] Шумо далели онро меҷӯед, ки оё Масеҳ дар ман суҳан меронад: Ӯ
барои шумо оҷиз нест, балки дар миёни шумо боиқтидор аст.
[4] Зеро, агарчи Ӯ дар ҳолати заъф маслуб шуд, лекин бо қуввати
Худо зинда аст; мо низ дар Ӯ заиф ҳастем, лекин ҳамроҳи Ӯ бо
қуввати Худо, ки дар шумост, зиндагӣ хоҳем кард+.
[5] Худро тафтиш намоед, ки оё дар имон ҳастед? Худро имтиҳон
кунед. Ё шумо худро намешиносед, ки Исои Масеҳ дар шумост?
Магар ин ки шумо на ончунон ҳастед, ки бояд бошед.
[6] Дар ҳусуси мо, умедворам, шумо ҳоҳед донист, ки мо ончунон
ҳастем, ки бояд бошем.
[7] Мо ба Худо тазаррӯъ менамоем, ки шумо ҳеҷ бадӣ накунед, на аз
барои он ки мо худро ончунон нишон диҳем, ки бояд бошем; балки
аз барои он ки шумо некӣ кунед, агарчи мо на ончунон ба назар
намоем, ки бояд бошем.
[8] Зеро ки мо на бар зидди ростӣ, балки фақат барои ростӣ қувват
дорем.
[9] Зеро шодӣ мекунем, вақте ки мо заиф ҳастем, вале шумо
боқувват; ва барои ҳамин, яъне дар хусуси комил шуданатон, мо дуо
мегӯем+.
[10] Аз он сабаб ман инро дар вақти набуданам навиштаам, ки дар
омаданам сахтгирӣ накунам аз рӯи он ихтиёре ки Худованд ба ман,
на аз барои харобкорӣ, балки барои буньёдкорӣ додааст+.

## Насиҳатҳои хотимавӣ.

## Саломҳо.

[11] Хуллас, эй бародарон, шод бошед! Комил шавед, тасалло ёбед,
якдил бошед, осоиштагиро ҳифз намоед, — ва Худои муҳаббат ва

осоиштагӣ бо шумо хоҳад буд+.
12 Ба якдигар бо бӯсаи муқаддас салом расонед. Ҳамаи муқаддасон ба шумо салом мерасонанд+.
13 Файзи Исои Масеҳи Худованд, ва муҳаббати Худо, ва ширкати Рӯҳулқудс бо ҳамаатон бод. Омин.

---

* 6:15 **Блияал** — калимаи ибриест, ки дар Таврот куфр, шарорат, ҳалокат ва баъзан иблисро мефаҳмонад. Дар ин ҷо ба маънои иблис омадааст.

---

+ 1:1 Аъм. 18:1-17

+ 1:3 1 Пет. 1:3, Эфс. 1:3

+ 1:5 Рум. 8:17, Фпл. 3:10, Қӯл. 1:24

+ 1:6 2 Тим. 2:10

+ 1:8 Аъм. 19:23, 1 Қӯр. 15:32

+ 1:9 2 Қӯр. 4:14

+ 1:10 Аъм. 12:11, Аъм. 14:19-20, Аъм. 21:32-33, Аъм. 27:44

+ 1:11 Рум. 15:31, 2 Тас. 3:2, Аъм. 12:5, Эфс. 6:18

+ 1:12 Аъм. 23:1, 2 Тим. 1:3, 1 Қӯр. 2:4, 1 Қӯр. 2:13

+ 1:13 1 Қӯр. 1:8, 1 Тас. 4:16-18, 1 Тас. 2:19-20

+ 1:15 1 Қӯр. 4:19

+ 1:16 Аъм. 19:21, 1 Қӯр. 16:5

+ 1:18 1 Қӯр. 1:9

+ 1:19 Аъм. 15:22, Аъм. 16:1

+ 1:20 1 Қӯр. 14:16, Ваҳй 3:14

+ 1:22 2 Қӯр. 5:5, Ибр. 6:11, Эфс. 1:13

+ 1:23 Рум. 1:9, Ғал. 1:20, Фпл. 1:8, 1 Тас. 2:5

+ 2:2 2 Қӯр. 7:8

+ 2:4 2 Қӯр. 7:12

+ 2:6 1 Қӯр. 5:4-5

+ 2:11 1 Пет. 5:8

+ 2:12 Аъм. 16:8, Аъм. 20:6

+ 2:13 2 Қӯр. 7:6, 2 Қӯр. 8:6, 2 Қӯр. 12:18

+ 2:14 Қӯл. 2:15

+ 2:15 1 Қӯр. 1:18, Ҳас. 8:21, Хур. 29:18, Эфс. 5:2, Фпл. 4:18

+ 3:1 Аъм. 18:27, 1 Қӯр. 16:3

+ 3:3 Хур. 24:12, Хур. 31:18, Так. Шар. 6:6, Иш. 51:7, Ирм. 31:33

+ 3:6 Ирм. 31:31, Лук. 22:20, Эфс. 3:7, Қӯл. 1:23, Рум. 2:27, Юҳ. 6:63

+ 3:7 Хур. 34:29-35

+ 3:14 Марқ. 6:52, Аъм. 15:21

+ 3:16 Хур. 34:34

+ 3:17 Юҳ. 4:24, Юҳ. 8:32, Яъқ. 2:12, 1 Пет. 2:16, Рум. 6:18, 1 Қӯр. 7:22, Ғал. 5:1

+ 3:18 1 Юҳ. 3:2, Рум. 8:29, Фпл. 3:21

+ 4:1 2 Қӯр. 3:6

+ 4:2 2 Қӯр. 2:17, 1 Тас. 2:3

+ 4:3 2 Қӯр. 3:14, 2 Қӯр. 2:15

+ 4:4 Юҳ. 12:31, Қӯл. 1:15, Ибр. 1:3

+ 4:5 Марқ. 10:43, 1 Қӯр. 9:19

+ 4:6 Ҳас. 1:3

+ 4:7 Айюб 4:19, Айюб 33:6, Иш. 64:8, Рум. 9:21-22, 1 Қӯр. 2:5

+ 4:8 2 Қӯр. 7:5

+ 4:9 Ех. 1:5, Юҳ. 15:20

+ 4:10 Рум. 6:5

+ 4:11 2 Қӯр. 6:9

+ 4:13 Заб. 115:1

+ 4:14 1 Тас. 4:14

+ 4:16 Рум. 12:2, Эфс. 4:23

+ 4:17 Рум. 8:18

+ 4:18 Рум. 8:24, Ибр. 11:1

+ 5:2 Рум. 8:23

+ 5:3 1 Қӯр. 15:53

+ 5:5 2 Қӯр. 1:22, Эфс. 1:14

+ 5:7 2 Қӯр. 4:18

+ 5:9 Қӯл. 1:10

+ 5:10 Воиз 3:17, Воиз 11:9, Воиз 12:14, Мат. 25:31-32, Аъм. 10:42, Рум. 14:10

+ 5:11 2 Қӯр. 4:2

+ 5:12 2 Қӯр. 3:1, 2 Қӯр. 11:16, 2 Қӯр. 12:1

+ 5:13 Марк. 3:21, 2 Қӯр. 11:1

+ 5:14 Рум. 5:15

+ 5:15 1 Пет. 4:2, Рум. 14:7-8

+ 5:17 Иш. 43:18-19, Рум. 6:4, Ваҳй 21:5

+ 5:18 Рум. 5:10-11, Қӯл. 1:20

+ 5:19 Заб. 31:1-2, Рум. 4:8

+ 5:20 Эфс. 6:20

+ 5:21 Иш. 53:9, Юҳ. 8:46, 1 Пет. 2:22, 1 Юҳ. 3:5, Ибр. 4:15, Рум. 8:3, Рум. 1:17, Рум. 4:25, 1 Қӯр. 1:30

+ 6:1 1 Қӯр. 3:9

+ 6:2 Иш. 49:8

+ 6:4 Аъм. 9:16, Аъм. 16:23, Аъм. 17:5, 2 Қӯр. 11:23-27

+ 6:7 2 Қӯр. 10:4, Эфс. 6:11-17

+ 6:8 Рум. 3:8

+ 6:9 2 Қӯр. 4:11

+ 6:10 Юҳ. 16:22, Аъм. 3:6

+ 6:13 1 Қӯр. 4:14

+ 6:14 Так. Шар. 7:3, Эзр. 9:2, Наҳ. 13:25, Эфс. 5:7, 1 Юҳ. 1:6

+ 6:15 1 Қӯр. 10:21

+ 6:16 Эфс. 2:21, 1 Қӯр. 3:16-17, Иб. 26:11-12, Ҳиз. 37:27

+ 6:17 Иш. 52:11, Ҳиз. 20:34, Ҳиз. 20:41

+ 6:18 2 Подш. 7:14

+ 7:1 1 Юҳ. 3:3

+ 7:2 Аъм. 20:33

+ 7:3 Фпл. 1:7

+ 7:4 Қӯл. 1:24

+ 7:5 2 Қӯр. 2:13, 2 Қӯр. 4:8

+ 7:6 2 Қӯр. 1:4, 2 Қӯр. 2:13, 2 Қӯр. 8:6, 2 Қӯр. 12:18

+ 7:8 2 Қӯр. 2:2-4

+ 7:10 Мат. 5:4, Воиз 7:3

+ 7:12 1 Қӯр. 5:1-2, 2 Қӯр. 2:4

+ 8:2 Марқ. 12:44

+ 8:3 1 Қӯр. 16:2

+ 8:4 Рум. 15:26

+ 8:6 2 Қӯр. 2:13, 2 Қӯр. 7:6

+ 8:7 1 Қӯр. 1:5

+ 8:8 1 Қӯр. 7:6

+ 8:9 Яъқ. 2:5, Фпл. 2:6-7

+ 8:10 1 Қӯр. 7:25

+ 8:12 Марқ. 12:43-44, Луқ. 21:3

+ 8:14 Аъм. 4:34

+ 8:15 Хур. 16:18

+ 8:24 2 Қӯр. 7:4

+ 9:1 Рум. 15:25

+ 9:3 2 Қӯр. 8:6, 1 Қӯр. 16:2

+ 9:6 Мас. 11:24-25, Луқ. 6:38, Ғал. 6:7

+ 9:7 Так. Шар. 15:10, 1 Вақ. 29:9, Хур. 25:2

+ 9:8 Фпл. 4:19

+ 9:9 Заб. 111:9

+ 9:11 1 Қӯр. 1:5

+ 9:13 Мат. 5:16, 1 Пет. 2:12

+ 10:1 Мат. 11:29

+ 10:2 1 Қӯр. 4:21, 2 Қӯр. 13:2, 2 Қӯр. 13:10

+ 10:4 2 Қӯр. 6:7, Эфс. 6:11

+ 10:7 1 Қӯр. 3:23, Ғал. 3:29

+ 10:8 2 Қӯр. 13:10

+ 10:10 1 Қӯр. 1:17

+ 10:17 Ирм. 9:23-24, 1 Қӯр. 1:31

+ 10:18 Рум. 2:29, 1 Қӯр. 4:5

+ 11:1 2 Қӯр. 5:13

+ 11:2 Ҳуш. 2:19-20, Эфс. 5:27, Ваҳй 14:4

+ 11:3 Ҳас. 3:1, Ҳас. 3:4, Юҳ. 8:44, 1 Тим. 2:14

+ 11:4 Ғал. 1:6

+ 11:5 2 Қӯр. 12:11

+ 11:6 1 Қӯр. 1:17, 2 Қӯр. 10:10

+ 11:7 1 Қӯр. 9:18

+ 11:9 2 Қӯр. 12:13, Фпл. 4:15

+ 11:10 Рум. 9:1, 1 Тим. 2:7

+ 11:13 Фпл. 1:15, Аъм. 20:30, 2 Пет. 2:1, Ваҳй 2:2

+ 11:14 Ғал. 1:8

+ 11:15 Фпл. 3:19

+ 11:16 2 Қӯр. 5:12

+ 11:18 Фпл. 3:3-4

+ 11:19 1 Қӯр. 4:10

+ 11:20 Ғал. 2:4, Ғал. 4:3

+ 11:22 Рум. 11:1, Фпл. 3:5

+ 11:23 1 Қӯр. 15:10, 2 Қӯр. 6:4-5

+ 11:25 Аъм. 16:22-23, Аъм. 14:19, Аъм. 27:41-44

+ 11:26 Ғал. 2:4

+ 11:27 Аъм. 18:3, 1 Тас. 2:9, 2 Тас. 3:8, 1 Қӯр. 4:11

+ 11:29 1 Қӯр. 9:22

+ 11:32 Аъм. 9:24-25

+ 12:1 2 Қӯр. 5:12, 2 Қӯр. 11:16, Ғал. 1:12, Ғал. 2:2, Эфс. 3:3

+ 12:7 Айюб 2:6

+ 12:9 Иш. 40:29

+ 12:10 Марқ. 10:30, Мат. 5:11-12, Рум. 5:3

+ 12:11 1 Қӯр. 15:8-9, 2 Қӯр. 11:5

+ 12:12 Аъм. 15:12, Рум. 15:19

+ 12:13 2 Қӯр. 11:9

+ 12:14 2 Қӯр. 13:1, 1 Қӯр. 10:33

+ 12:15 Фпл. 2:17, Қӯл. 1:24, 1 Тас. 2:8

+ 12:16 2 Қӯр. 11:9

+ 12:18 2 Қӯр. 8:6, 2 Қӯр. 8:18

+ 12:19 Рум. 1:9, Рум. 9:1, 1 Қӯр. 14:26

+ 12:21 1 Қӯр. 5:1, 1 Қӯр. 6:18

+ 13:1 2 Қӯр. 12:14, Так. Шар. 19:15, Мат. 18:16

+ 13:4 Рум. 6:4

+ 13:9 1 Қӯр. 4:10

+ 13:10 2 Қӯр. 10:8

+ 13:11 Марқ. 9:50, Рум. 12:18, 1 Тас. 5:13, Рум. 15:33, Рум. 16:16

+ 13:12 Рум. 16:16, Фпл. 4:22

*НОМАИ*

*ҲАВВОРИИ МУҚАДДАС ПАВЛУС*

# БА ҒАЛОТИЁН

1 2 3 4 5 6

## Файз ва осоиштагӣ аз ҷониби Худо.

1 [1] Павлуси ҳаввorӣ, ки на аз ҷониби одамон ва на ба воситаи
одамизод аст, балки ба василаи Исои Масеҳ ва Худои Падар, ки
Ӯро аз мурдагон эҳьё кардааст,+
[2] Ва ҳамаи бародароне ки бо ман мебошанд, ба калисоҳои
Ғалотия:+
[3] Файз ва осоиштагӣ аз ҷониби Худои Падар ва Худованди мо Исои
Масеҳ бар шумо бод,
[4] Ки Худро барои гуноҳҳои мо дод, то ки моро аз ин олами шарир,
мувофиқи иродаи Худо, Падари мо, халос кунад,+
[5] Ки Ӯро то абад ҷалол бод, омин.

## Одамоне ки ба изтироб меандозанд.

[6] Тааҷҷуб менамоям, ки ин қадар зуд шумо аз Он ки шуморо ба
файзи Масеҳ даъват намудааст, баргашта, ба башорати дигаре
мегузаред,+
[7] Ки он на дигарест, балки фақат баъзе касоне ҳастанд, ки шуморо
ба изтироб меандозанд ва башорати Масеҳро таҳриф кардан
мехоҳанд+.
[8] Лекин агар ҳатто мо ё фариштае аз осмон Инҷиле бар хилофи он
чи мо ба шумо башорат додаем, ба шумо башорат диҳад, — малъун
бод+.
[9] Чунон ки мо пештар гуфта будем, ҳозир ҳам боз мегӯям: агар
касе бар хилофи он чи қабул кардаед, ба шумо башорат диҳад, —
малъун бод.
[10] Оё ман алҳол назди одамон хусни таваҷҷӯҳ меҷӯям, ё назди
Худо? Оё саъю кӯшиш менамоям дили одамонро ёбам? Агар ман
ҳанӯз дили одамонро меёфтам, бандаи Масеҳ намебудам+.

## Павлус на аз ҷониби одамон, балки аз ҷониби Худо ба ҳавворигӣ даъват шудааст.

[11] Ба шумо, эй бародарон, эълон мекунам: Инҷиле ки ман башорат
додаам, аз они одамизод нест;
[12] Зеро ки ман онро на аз одамизод қабул кардаам ва таълим
гирифтаам, балки ба василаи ваҳйи Исои Масеҳ+.

[13] Зеро шумо тарзи ҳаёти пештараи маро дар миёни яҳудиён
шунидаед, ки ман Калисои Худоро аз ҳад зиёд таъқиб менамудам, ва
онро несту нобуд мекардам,+
[14] Ва дар дини яхудӣ дар авлодам назар ба бисьёр ҳамсолони худ
бештар комьёб будам, дар ҳолате ки барои ривоятҳои падаронам
ниҳоятдарача ғайрат мекардам+.
[15] Аммо ҳангоме ки Худо, ки маро аз батни модарам баргузида, бо
файзи Худ даъват кардааст, таваҷҷӯҳ намуд,+
[16] Ки Писари Худро дар ман ошкор созад, то ки Ӯро дар миёни
ҳалқҳо башорат диҳам, — ман он вақт бо ҷисм ва хун машварат
накардам,
[17] Ва ба Ерусалим назди онҳое ки пеш аз ман ҳаввори буданд,
нарафтам, балки ба Арабистон равона шудам ва боз ба Димишқ
баргаштам+.
[18] Сонӣ, пас аз се сол, ба Ерусалим барои дидани Петрус рафтам ва
понздаҳ рӯз назди ӯ истодам+.
[19] Аз ҳаввориён, ғайр аз Яъқуби бародари Худованд, каси дигарро
надидаам+.
[20] Ва он чи ба шумо менависам, инак, ба ҳузури Худо, дурӯғ
намегӯям+.
[21] Пас аз он ман ба кишварҳои Сурия ва Қилиқия равона шудам.
[22] Аммо калисоҳои Масеҳ дар Яҳудо маро шаҳсан намешиноҳтанд,
[23] Балки фақат шунида буданд, ки ҳамон шаҳсе ки як вақте онҳоро
таъқиб менамуд, ҳоло имонеро башорат медиҳад, ки пештар онро
несту нобуд мекард, —+
[24] Ва Худоро ба ҳотири ман мадҳ мегуфтанд.

## Ба халқҳо башорат додани Павлусро ҳаввориёни дигар эътироф кардаанд.

**2** 1 Сонӣ ман, пас аз чордаҳ сол, бо Барнаббо боз ба Ерусалим
рафтам, Титусро низ бо худ бурдам+.
2 Ба он ҷо аз рӯи ваҳй равона шудам ва ба онҳо ва алоҳида ба
шахоне ки соҳибэътибор буданд, он башоратро, ки дар миёни халқҳо
мавъиза менамудам, баён кардам: мабодо бар абас бидавам ё давида
бошам+.
3 Аммо Титус низ, ки ҳамроҳи ман буд, бо вуҷуди юнонӣ буданаш,
маҷбур нашуд, ки махтун гардад:+
4 Аз боиси бародарони козиби ба миёни мо сар даровардае ки
барои дидани озодие ки мо дар Исои Масеҳ дорем, ба таври пинҳонӣ
омада буданд, то ки моро ғулом гардонанд:+
5 Мо ба онҳо як соат ҳам гузашт накардем ва итоат нанамудем, то
ки ростии башорат дар шумо маҳфуз дошта шавад.
6 Ва онҳое ки ба назари касе соҳибэътибор буданд, — онҳо ягон
вақт ҳар чӣ хел бошанд ҳам, барои ман аҳамияте надорад: Худо ба
рӯи кас нигоҳ намекунад, — ин соҳибэътиборон ба зиммаи ман ҳеҷ
чизе нагузоштанд;+
7 Балки, баръакс, чун диданд, ки башорат барои номахтунон ба
ман супурда шудааст, чунон ки барои махтунон ба Петрус, —+
8 Зеро Он ки ба Петрус дар ҳаввориятaш назди махтунон мадад
карда буд, ба ман низ назди халқҳо мадад кардааст, —
9 Ва чун Яъқуб ва Кифо ва Юҳанно, ки эътибори арконро доштанд,
аз файзе ки ба ман ато шудааст, вуқуф ёфтанд, дасти ширкат ба ман
ва Барнаббо доданд, то ки мо назди халқҳо биравем, ва онҳо назди
махтунон;+
10 Фақат ин ки мо бенавоёнро дар хотир нигоҳ дорем, ва ман
иштиёқманд будам, ки маҳз ҳаминро ба ҷо оварам+.

## Павлус «бо имон сафед шудан» — ро дар Антиёхия аз Петрус ҳимоят мекунад.

11 Аммо вақте ки Петрус ба Антиёхия омад, ман шахсан ба ӯ
мухолифат кардам, чунки ӯ айбдор буд+.

[12] Зеро, пеш аз он ки баъзе касон аз ҷониби Яъқуб биёянд, ӯ бо
ғайрияҳудиён хӯрок мехӯрд; лекин вақте ки онҳо омаданд, аз тарси
махтунон худро дур кашид ва канорагирӣ кард+.
[13] Бо якҷоягии ӯ яҳудиёни дигар ҳам риёкорӣ карданд, ба тавре ки
Барнаббо низ саргарми риёкории онҳо шуд.
[14] Аммо, чун дидам, ки онҳо мувофиқи ростии Инҷил рафтори
рост намекунанд, дар ҳузури ҳама ба Кифо гуфтам: «Агар ту, ки
яҳудӣ ҳастӣ, на ба тариқи яҳудиён, балки ба тариқи ғайрияҳудиён
зиндагӣ мекунӣ, чаро ғайрияҳудиёнро маҷбур менамоӣ, ки ба
тариқи яҳудиён рафтор кунанд+?
[15] Мо табиатан яҳудӣ ҳастем, на ин ки гуноҳкороне аз байни
ғайрияҳудиён;
[16] Лекин, чун донистем, ки одамизод на бо аъмоли шариат сафед
мешавад, балки фақат бо имон ба Исои Масеҳ, — мо ҳам ба Исои
Масеҳ имон овардем, то ки бо имон ба Масеҳ сафед шавем, на ин ки
бо аъмоли шариат; зеро ки бо аъмоли шариат ҳеҷ ҷисме сафед
нахоҳад шуд+.
[17] Аммо агар, дар Масеҳ сафед шудан хоста, худамон ҳам гуноҳкор
бароем, — наход ки Масеҳ ҳизматгузори гуноҳ бошад? Ба ҳеҷ сурат!
[18] Зеро, агар ман он чиро, ки хароб кардаам, аз нав ба вуҷуд
оварам, ман худро ҷинояткор мегардонам.

## Масеҳӣ бо имон ба Писари Худо зиндагӣ мекунад.

[19] Зеро ки ман ба воситаи шариат ба шариат мурдаам, то ки барои
Худо зиндагӣ кунам+.
[20] Ман бо Масеҳ маслуб шудаам. Ва акнун на ман зиндагӣ
мекунам, балки Масеҳ дар ман зиндагӣ мекунад. Ва ин ки ҳоло дар
ҷисм зиндагӣ мекунам, ин яъне бо имон ба Писари Худо зиндагӣ
мекунам, ки Ӯ маро дӯст дошт ва Худро барои ман таслим кард+.
[21] Файзи Худоро ботил намекунам; зеро, агар сафед шудан ба
воситаи шариат бошад, Масеҳ бар абас мурдааст».

## Бахшоиши Рӯҳулқудсро бо имон ёфтан мумкин аст, на бо аъмоли шариат.

3 [1] Эй ғалотиёни нофаҳм! Кӣ шуморо ба васваса андохт, ки аз
ростӣ сар тобед, дар сурате ки пеши назари шумо Исои Масеҳи
маслуб тасвир ёфтааст?
[2] Фақат инро аз шумо фаҳмидан мехоҳам: оё шумо Рӯҳро аз
аъмоли шариат қабул кардаед, ё ки аз мавъизаи имон+?
[3] Оё он қадар шумо нофаҳм ҳастед, ки бо Рӯҳ сар карда, алҳол бо
ҷисм анҷом медиҳед?
[4] Оё бар абас ин қадар заҳмат кашидаед? Тасаввур намекунам+.
[5] Пас, Он ки Рӯҳро ба шумо мебахшад ва дар миёни шумо
мӯъҷизот ба амал меоварад, оё инро ба воситаи аъмоли шариат
мекунад ё ки ба воситаи мавъизаи имон+?
[6] Чунончи, Иброҳим ба Худо имон овард, ва ин барои ӯ адолат
ҳисоб карда шуд+.
[7] Пас бидонед, ки аҳли имон фарзандони Иброҳим ҳастанд.
[8] Ва Навиштаҳо чун пешбинӣ намуд, ки Худо халқҳоро ба воситаи
имон сафед мекунад, пешакӣ ба Иброҳим башорат дода, гуфт: «Дар
ту ҳамаи халқҳо баракат хоҳанд хост»+.
[9] Бинобар ин аҳли имон бо Иброҳими имондор баракат мехоҳанд,
[10] Лекин тамоми аҳли аъмоли шариат зери дасти лаънат
мебошанд; зеро ки навишта шудааст: «Малъун аст ҳар касе ки ҳар
чизи дар китоби шариат навишташударо доимо ба ҷо намеоварад»+.
[11] Ва ин ки ҳеҷ кас ба воситаи шариат ба ҳузури Худо сафед
намешавад, ин равшан аст, чунки одил ба воситаи имон зиндагӣ
хоҳад кард+.
[12] Аммо шариат аз имон нест, вале касе ки онро ба ҷо меоварад, бо
он зиндагӣ хоҳад кард+.
[13] Масеҳ моро аз лаънати шариат фидия дода гирифта, барои мо
лаънат гардид, — зеро ки навишта шудааст: «Малъун аст ҳар касе ки
ба дор овехта шудааст», —+
[14] То ки баракати Иброҳим ба василаи Исои Масеҳ ба
ғайрияҳудиён татбиқ шавад, барои он ки ваъдаи Рӯҳро мо ба воситаи
имон пайдо кунем+.

## Ваъдаҳои ба Иброҳим додашударо шариат ботил накардааст; шариат асокаши мо сӯи Масеҳ гардид.

15 Эй бародарон! Ба тариқи одамизод сухан меронам: ҳатто
васиятеро, ки одамизод тартиб дода бошад, ҳеҷ кас ботил намекунад
ва чизе ба он илова наменамояд.
16 Лекин ваъдаҳо ба Иброҳим ва ба насли ӯ дода шудааст.
Нагуфтааст: «Ва ба наслҳои ту», гӯё ки дар бораи бисьёре, балки дар
бораи яке: «Ва ба насли ту», ки он Масеҳ аст+.
17 Ва ман чунин мегӯям: аҳдеро, ки Худо пештар дар бораи Масеҳ
муқаррар намудааст, шариат, ки баъд аз чорсаду сӣ соли он пайдо
шуд, ботил намекунад, ба тавре ки ваъда аз байн равад+.
18 Зеро, агар мерос аз рӯи шариат бошад, он дигар аз рӯи ваъда
нахоҳад буд; аммо Худо онро аз рӯи ваъда ба Иброҳим ато
намудааст+.
19 Пас, шариат барои чист? Он баъдтар аз боиси ҷиноятҳо дода
шудааст, то вақти омадани Насле ки ваъда ба Ӯ дахл дорад, ва он ба
воситаи фариштаҳо бо дасти миёнарав фармоиш карда шудааст+.
20 Аммо миёнарав назди як намешавад, вале Худо як аст+.
21 Пас, оё шариат ба ваъдаҳои Худо мухолиф аст? Ба ҳеҷ сурат!
Зеро, агар шариате дода мешуд, ки қобили ҳаётбахшӣ бошад, адолат
ҳақиқатан аз шариат мебуд;
22 Аммо Навиштаҳо ҳама чизро зери дасти гуноҳ банд кардааст, то
ки ба воситаи имон ба Исои Масеҳ ваъда ба имондорон ато шавад+.
23 Аммо пеш аз омадани имон зери дасти посбонии шариат банд
будем, то даме ки имон мебоист зоҳир мешуд.
24 Пас, шариат асокаши мо сӯи Масеҳ гардид, то ки ба воситаи
имон сафед шавем;+
25 Аммо вақте ки имон омад, мо дигар зери дасти асокаш нестем.
26 Зеро ки ҳамаи шумо ба воситаи имон ба Исои Масеҳ писарони
Худо ҳастед;+
27 Зеро ҳамаи шумо, ки дар Масеҳ таъмид ёфтаед, Масеҳро дар бар
кардаед+.
28 Дигар на яҳудӣ ҳаст, на юнонӣ; на ғулом ҳаст, на озод; на мард
ҳаст, на зан; зеро ки ҳамаи шумо дар Исои Масеҳ як ҳастед+.

29 Ва агар шумо аз они Масеҳ бошед, пас насли Иброҳим ҳастед,
ворисонед мувофиқи ваъда+.

## Масеҳ моро аз таҳти васояти шариат раҳо кард; ба воситаи Ӯ мо фарзандони озоди Худо шудаем.

4 [1] Аммо мегӯям: ворис, то даме ки кӯдак аст, аз ғулом ҳеҷ фарқ
надорад, гарчанде ки оғои ҳама аст:
[2] Балки зери дасти васиён ва амалдорон аст, то мӯҳлате ки
падараш муайян намудааст.
[3] Ҳамчунин мо, то даме ки кӯдак будем, ғуломи аносири ҷаҳон
будем;
[4] Вале ҳамин ки пуррагии замон даррасид, Худо Писари Худро
фиристод, ки Ӯ аз зан таваллуд ёфта, зери дасти шариат буд,+
[5] То барои онҳое ки зери дасти шариат буданд, фидия диҳад, то ки
мо ба писарӣ қабул шавем+.
[6] Ва азбаски шумо писар ҳастед, Худо ба дилҳои шумо Рӯҳи
Писари Худро фиристодааст, ки нидо мекунад: «Эй Або, эй Падар!»
[7] Бинобар ин ту дигар ғулом нестӣ, балки писарӣ; ва агар писар
бошӣ, вориси Худо низ ба василаи Масеҳ ҳастӣ.

## Маҳзунии Павлус дар бораи он ки ғалотиён ҷудо шуда, сӯи шариати халқҳо ва яҳудиён рафтаанд.

[8] Лекин дар он замон, ки Худоро намешинохтед, шумо онҳоеро
ибодат мекардед, ки аслан худо набуданд;+
[9] Аммо алҳол, ки Худоро мешиносед ва, илова бар он, Худо
шуморо мешиносад, чӣ гуна аз нав сӯи он аносири заифу фақир
баргашта, худро боз ба онҳо ғулом кардан мехоҳед+?
[10] Рӯзҳо, моҳҳо, фаслҳо ва солҳоро риоя мекунед+.
[11] Аз шумо хавотир дорам, ки мабодо дар миёни шумо беҳуда
меҳнат карда бошам+.
[12] Эй бародарон, аз шумо хоҳишмандам, ки мисли ман бошед,
чунки ман ҳам мисли шумо ҳастам; шумо маро ҳеҷ озор надодаед:
[13] Шумо медонед, ки ман дар заъфи ҷисм ба шумо дафъаи аввал
башорат додам;+
[14] Ва шумо аз озмоиши ман, ки дар ҷисми ман аст, нафрат
накардед ва кароҳат надоштед, балки маро мисли фариштаи Худо,
мисли Исои Масеҳ пазироӣ намудед+.

15 Пас куҷост он саодати шумо? Зеро ба шумо гувоҳӣ медиҳам, ки
агар имконпазир мебуд, чашмони худро канда гирифта, ба ман
медодед.
16 Пас, наход ки ба шумо рости гапро гуфта, душмани шумо шуда
бошам?
17 Онҳо барои шумо ба некӣ ғайрат намекунанд, балки шуморо
ҷудо кардан мехоҳанд, то ки шумо барои онҳо ғайрат кунед.
18 Дар кори хайр ҳамеша ғайрат кардан хуб аст, на танҳо вақте ки
ман назди шумо бошам.
19 Эй фарзандони ман, ки барои таваллудатон ман аз нав азоб
мекашам, то даме ки дар шумо Масеҳ сурат бандад!
20 Хоҳиш доштам, ки ҳоло назди шумо бошам ва овози худро
тағьир диҳам, зеро ки дар хусуси шумо дар ҳайрат мондаам.

## Ғуломи зери дасти шариат ва озодии имон дар писарони Иброҳим тасвир ёфтааст.

21 Шумо, ки мехоҳед зери дасти шариат бошед, ба ман бигӯед, ки
магар шумо ба шариат гӯш намеандозед?
22 Зеро ки навишта шудааст: «Иброҳим ду писар дошт, яке аз
каниз* ва дигаре аз зани озод»*+.
23 Лекин он ки аз каниз буд, ба ҳасби ҷисм таваллуд ёфтааст, ва он
ки аз зани озод буд, — ба ҳасби ваъда+.
24 Ин киноямез аст, зеро ки ин ду аҳд аст: яке аз кӯҳи Сино, ки
барои ғуломӣ мезояд, ва ин Ҳоҷар аст,+
25 Зеро ки Ҳоҷар кӯҳи Сино дар Арабистон аст ва ба Ерусалими
ҳозира мувофиқ меояд, зеро ки он бо фарзандони худ дар ғуломӣ
мебошад;
26 Аммо Ерусалими арши аъло озод аст, ки он модари ҳамаи
мост;+
27 Зеро ки навишта шудааст:
«Шод бош, эй нозой, ки назоидаӣ;
хурсандӣ ва нидо бикун, ки дарди зоиш накашидаӣ;
зеро фарзандони зане ки партофта шудааст,
назар ба шавҳардор зиёдтаранд»+.
28 Вале мо, эй бародарон, мисли Исҳоқ, фарзандони ваъда
ҳастем+.

[29] Аммо чӣ тавре ки он вақт ба ҳасби ҷисм таваллудьёфта ба ҳасби
Рӯҳ таваллудьёфтаро пеш мекард, алҳол низ ҳамон тавр аст+.
[30] Аммо Навиштаҳо чӣ мегӯяд?
«Каниз ва писари ӯро пеш кун,
зеро писари каниз бо писари зани озод мерос нахохад гирифт»+.
[31] Хуллас, эй бародарон, мо фарзандони каниз нестем, балки
фарзандони зани озодем.

## Насиҳат дар бораи он ки аз юғи ғуломии шариат озод бимонем.

5 [1] Пас, дар озодие ки Масеҳ моро барои он озод кардааст,
устувор истед ва аз нав гирифтори юғи ғуломӣ нашавед+.
[2] Инак, ман, Павлус, ба шумо мегӯям: агар махтун мешуда бошед,
Масеҳ ба шумо ҳеҷ нафъ намебахшад+.
[3] Ва ман боз ба ҳар каси махтуншаванда шаҳодат медиҳам, ки ӯ
бояд тамоми шариатро ба ҷо оварад+.
[4] Шумо, ки худро бо шариат сафед мекунед, аз Масеҳ ҷудо шудаед,
аз файз маҳрум гардидаед+.
[5] Зеро ки мо ба воситаи Рӯҳ аз имон мунтазири ҳамон адолатем,
ки онро умедворем+.
[6] Зеро ки дар Исои Масеҳ на хатна аҳамият дорад ва на номахтунӣ,
балки имоне ки бо муҳаббат амал мекунад+.
[7] Нағз медавидед: кӣ шуморо аз итоати ростӣ боздошт+?
[8] Ин таъсир аз ҷониби Даъваткунандаи шумо нест.
[9] Андак хамиртуруш тамоми хамирро метуршонад+.
[10] Ман ба шумо дар Худованд эътимод дорам, ки ҳеҷ фикри дигаре
нахоҳед дошт, ва касе ки шуморо ба изтироб меандозад, ҳар кӣ бошад
ҳам, маҳкум хоҳад шуд+.
[11] Валекин, эй бародарон, агар ман ҳозир ҳам хатнаро мавъиза
мекарда бошам, чаро ҳанӯз гирифтори таъқибот мешавам? Дар он
сурат васвасаи салиб ботил мешуд-ку!+
[12] Кошки онҳое ки шуморо ба изтироб меандозанд, аз байн бурда
мешуданд!

## Озодии ҳақиқӣ ба воситаи муҳаббат ва дар рӯҳ зистан исбот карда мешавад.

[13] Зеро ки шумо, эй бародарон, ба озодӣ даъват шудаед, фақат ин
ки озодӣ баҳонае барои ҳавасҳои ҷисм нашавад, балки ба якдигар бо
муҳаббат хизмат кунед+.
[14] Зеро ки тамоми шариат аз як калима иборат аст, чунончи:
«Ёратро мисли худат дӯст бидор»+.
[15] Аммо агар шумо якдигарро газида, мехӯрда бошед, эҳтиёт
шавед, ки мабодо аз дасти якдигар несту нобуд гардед.

16 Вале ман мегӯям: бар тибқи Рӯҳ рафтор кунед, ва шумо
ҳавасҳои ҷисмро ба амал нахоҳед овард;+
17 Зеро ки ҷисм хилофи Рӯҳро хоҳон аст, ва Рӯҳ — хилофи ҷисмро:
онҳо зидди якдигаранд, ба тавре ки шумо он чи мехостед,
намекунед+.
18 Лекин агар роҳнамоятон Рӯҳ бошад, зери дасти шариат нестед+.
19 Корҳои ҷисм маълум аст, ки инҳост: фисқ, зино, нопокӣ,
фуҷур,+
20 Бутпарастӣ, ҷодугарӣ, адоват, хархаша, ҳасад, хашм, ҷидол,
ихтилофот, бидъатҳо,+
21 Нафрат, қатлҳо, бадмастӣ, бетартибӣ ва монанди ин; шуморо
пешакӣ огоҳ менамоям, чунон ки пештар ҳам огоҳ намудаам, ки
кунандагони чунин корҳо Малакути Худоро мерос нахоҳанд
гирифт+.
22 Аммо самари Рӯҳ инҳост: муҳаббат, шодмонӣ, осоиштагӣ,
пурсабрӣ, меҳрубонӣ, марҳамат, имон,+
23 Фурӯтанӣ, парҳезгорӣ. Ба инҳо шариат муқобил нест+.
24 Лекин онҳое ки ба Масеҳ тааллуқ доранд, ҷисмро бо ҳирсҳо ва
ҳавасҳояш маслуб кардаанд+.
25 Агар мо бар тибқи Рӯҳ зиндагӣ мекарда бошем, бояд бар тибқи
Рӯҳ рафтор ҳам кунем:
26 Ҳавобаланд нашавем, якдигарро асабонӣ накунем, аз якдигар
ҳасад набарем+.

## Барои иҷро кардани шариати Масеҳ, борҳои якдигарро бардоштан лозим аст.

**6** 1 Эй бародарон, агар касе гирифтори хатое шавад, шумо,
рӯҳониён, ӯро дар рӯҳи фурӯтанӣ ислоҳ кунед, ва ҳар кас аз худаш
бохабар бошад, ки мабодо ба озмоиш дучор шавад+.
2 Борҳои якдигарро бардоред, ва ба ҳамин тариқ шариати Масеҳро
иҷро хоҳед кард+.
3 Зеро касе ки худро чизе ҳисоб мекунад, дар сурате ки ҳеҷ аст,
вай худро фиреб медиҳад+.
4 Бигзор ҳар кас амали худро имтиҳон намояд, ва он гоҳ фақат дар
худ фахр хоҳад дошт, на дар дигаре;
5 Зеро ҳар кас бори худро хоҳад бардошт+.
6 Он ки бо каломи Худо насиҳат дода мешавад, бигзор
насиҳатдиҳандаро дар ҳар нозу неъмат шарик созад+.
7 Фирефта нашавед: Худо намегузорад, ки Ӯро тамасхур кунанд.
Зеро ки он чи одамизод мекорад, ҳамонро хоҳад даравид:+
8 Касе ки барои ҷисми худ мекорад, аз ҷисм фаноро хоҳад
даравид, ва касе ки барои Рӯҳ мекорад, аз Рӯҳ ҳаёти ҷовидониро
хоҳад даравид+.
9 Ва мо некӣ карда, ноумед нашавем; зеро ки дар вақташ хоҳем
даравид, агар сустӣ накунем+.
10 Аз ин рӯ, то даме ки фурсат дорем, ба ҳама некӣ кунем,
алалхусус ба аҳли имони худ+.

## Салиби Масеҳ ҷалоли ягонаи ҳавворӣ мебошад.

11 Бубинед, чӣ гуна калон аст мактубе ки ба шумо бо дасти худ
навиштаам+.
12 Онҳое ки ба ҳасби ҷисм фахр намудан мехоҳанд, шуморо ба
махтун шудан водор менамоянд, фақат барои он ки аз боиси салиби
Масеҳ ба таъқибот гирифтор нашаванд;
13 Зеро ки худи махтуншавандагон ҳам шариатро риоя
намекунанд, лекин мехоҳанд, ки шумо махтун шавед, то ки бо ҷисми
шумо фахр намоянд.
14 Ва ман, ҳошо ва калло, ки фахр намоям, магар ин ки фақат бо
салиби Худованди мо Исои Масеҳ, ки ба воситаи он ҷаҳон барои ман

маслуб шудааст, ва ман — барои ҷаҳон+.
15 Зеро ки дар Исои Масеҳ на хатна аҳамияте дорад ва на
номахтунӣ, балки махлуқи нав+.
16 Ва онҳое ки мувофиқи ҳамин қоида рафтор мекунанд,
осоиштагӣ ва марҳамат бар онҳо бод, ва бар Исроили Худо!+
17 Минбаъд бигзор ҳеҷ кас маро уқубат надиҳад, зеро ки ман
ҷароҳатҳои Исои Худовандро дар бадани худ дорам.
18 Файзи Худованди мо Исои Масеҳ бо рӯҳи шумо бод, эй
бародарон, омин.

---

* 4:22 Яъне Ҳоҷар.

* 4:22 Яъне Соро.

---

+ 1:1 Ғал. 1:11-12

+ 1:2 Фпл. 4:21, Аъм. 16:6, Аъм. 18:23

+ 1:4 Мат. 20:28, Рум. 4:25, Марқ. 14:36

+ 1:6 Марқ. 4:17, Ибр. 6:4, 2 Қӯр. 11:4

+ 1:7 Аъм. 15:24, Ғал. 5:10

+ 1:8 2 Қӯр. 11:14, Рум. 9:3, 1 Қӯр. 16:22

+ 1:10 1 Тас. 2:4

+ 1:12 Аъм. 9:6, Аъм. 26:16, 1 Қӯр. 11:23

+ 1:13 Аъм. 26:5, Аъм. 8:3, Фпл. 3:6

+ 1:14 Мат. 15:2, Марқ. 7:3

+ 1:15 Иш. 49:1, Ирм. 1:4-5, Луқ. 1:15, Аъм. 9:15, Рум. 1:5, 1 Тим. 2:7

+ 1:17 Аъм. 9:19

+ 1:18 Юҳ. 1:42, Аъм. 9:26-27

+ 1:19 Аъм. 12:17, Аъм. 15:13, Яъқ. 1:1

+ 1:20 Рум. 1:9, Рум. 9:1, 2 Қӯр. 1:23

+ 1:23 Аъм. 9:21

+ 2:1 Аъм. 4:36, 2 Қӯр. 2:13, 2 Тим. 4:10

+ 2:2 Ғал. 1:12, Эфс. 3:3, Фпл. 2:16

+ 2:3 Аъм. 16:3

+ 2:4 Аъм. 15:24, 2 Қӯр. 11:26, 2 Қӯр. 11:20, Ғал. 4:3, Ғал. 4:25

+ 2:6 Так. Шар. 10:17

+ 2:7 Аъм. 9:15, 1 Қӯр. 9:17

+ 2:9 Аъм. 4:36, Аъм. 9:27, Аъм. 13:2, Аъм. 15:36, 1 Қӯр. 9:6

+ 2:10 Аъм. 24:17, Рум. 15:25-28, 1 Қӯр. 16:1

+ 2:11 Аъм. 11:20

+ 2:12 Аъм. 11:3, Аъм. 11:2, Аъм. 15:1

+ 2:14 1 Тим. 5:20

+ 2:16 Ғал. 3:11, Аъм. 13:39, Рум. 3:21, Ғал. 3:11, Заб. 142:2, Рум. 3:20

+ 2:19 Рум. 14:8, Рум. 6:6, Ғал. 6:14

+ 2:20 Юҳ. 17:23

+ 3:2 Рум. 10:17

+ 3:4 1 Қӯр. 15:2

+ 3:5 1 Қӯр. 12:10

+ 3:6 Ҳас. 15:6, Яъқ. 2:23, Рум. 4:3

+ 3:8 Рум. 3:30, Ҳас. 12:3

+ 3:10 Рум. 4:15, Так. Шар. 27:26

+ 3:11 Аъм. 13:39, Рум. 3:20, Ғал. 2:16, Ҳаб. 2:4, Рум. 1:17, Ибр. 10:38

+ 3:12 Иб. 18:5, Рум. 10:5

+ 3:13 Так. Шар. 21:23

+ 3:14 Аъм. 1:5, Аъм. 2:33

+ 3:16 Рум. 4:13, Ибр. 7:6, Ҳас. 12:7, Ҳас. 17:19

+ 3:17 Хур. 12:40-41

+ 3:18 Рум. 4:14

+ 3:19 Рум. 4:13, Рум. 5:20, Так. Шар. 33:2, Аъм. 7:53

+ 3:20 1 Тим. 2:5, Ибр. 8:6, Так. Шар. 6:4-5, Рум. 3:30

+ 3:22 Рум. 3:9, Рум. 4:16

+ 3:24 Рум. 10:4

+ 3:26 1 Юҳ. 3:2, Рум. 8:15-16, Эфс. 1:5

+ 3:27 Рум. 6:3-4, Рум. 13:14

+ 3:28 1 Қӯр. 12:13, Эфс. 6:6, 1 Қӯр. 11:11

+ 3:29 1 Қӯр. 3:23, 2 Қӯр. 10:7, Рум. 8:17, Эфс. 3:6

+ 4:4 Марқ. 1:15, Луқ. 2:7, Луқ. 2:27

+ 4:5 Ғал. 3:13

+ 4:8 Иш. 37:19, Ирм. 16:20

+ 4:9 Заб. 35:11, 1 Қӯр. 8:3, Қӯл. 2:8, Қӯл. 2:20, Ибр. 7:18

+ 4:10 Рум. 14:5, Қӯл. 2:16

+ 4:11 1 Тас. 3:5

+ 4:13 1 Қӯр. 2:3

+ 4:14 1 Подш. 29:9, Луқ. 10:16, 1 Тас. 2:13

+ 4:22 Ҳас. 16:5, Ҳас. 21:2

+ 4:23 Ҳас. 16:3-4, Ҳас. 17:16

+ 4:24 Хур. 19:1-2

+ 4:26 Ибр. 12:22, Ваҳй 21:2

+ 4:27 Иш. 54:1

+ 4:28 Рум. 9:8

+ 4:29 Ҳас. 21:9

+ 4:30 Ҳас. 21:10

+ 5:1 Юҳ. 8:32, Яъқ. 2:12, 1 Пет. 2:16, Рум. 6:18, 1 Қӯр. 7:22, 2 Қӯр. 3:17, Ғал. 2:4, Ғал. 5:13, Аъм. 15:10

+ 5:2 Аъм. 15:1-2, 1 Қӯр. 7:18

+ 5:3 Рум. 2:25

+ 5:4 Рум. 9:31

+ 5:5 Рум. 8:23

+ 5:6 1 Қўр. 7:19, 1 Қўр. 12:13, Ғал. 6:15, Эфс. 2:14, Қўл. 3:11, Яъқ. 2:18

+ 5:7 1 Қўр. 9:24

+ 5:9 Мат. 13:33, Луқ. 13:21, 1 Қўр. 5:6

+ 5:10 Аъм. 15:24, Ғал. 1:7

+ 5:11 Аъм. 16:3, 1 Қўр. 1:23

+ 5:13 1 Пет. 2:16, 2 Пет. 2:19, 1 Қўр. 9:19

+ 5:14 Мат. 7:12, Мат. 22:40, Иб. 19:18

+ 5:16 Рум. 8:4, Рум. 13:14, Эфс. 2:3

+ 5:17 Рум. 7:15, Рум. 7:19, Рум. 7:23

+ 5:18 Рум. 7:4, Эфс. 2:15, Қўл. 2:14

+ 5:19 Марк. 7:21-23, 1 Қўр. 3:3, 1 Қўр. 6:9-10, 1 Қўр. 6:18, Эфс. 5:3

+ 5:20 1 Қўр. 11:19

+ 5:21 1 Қўр. 6:9-10, Эфс. 5:5

+ 5:22 Эфс. 5:9

+ 5:23 1 Тим. 1:9

+ 5:24 Яъқ. 4:1, 1 Пет. 2:11, Рум. 7:23, Рум. 13:14, Рум. 6:2, Рум. 6:6, Ғал. 2:19, Қӯл. 2:20, Қӯл. 3:3

+ 5:26 Фпл. 2:3

+ 6:1 1 Қӯр. 2:15, Яъқ. 5:19, 2 Тим. 2:25, 1 Тас. 5:14

+ 6:2 Рум. 15:1, 1 Юҳ. 4:21

+ 6:3 1 Қӯр. 3:7, 1 Қӯр. 8:2

+ 6:5 Рум. 14:12

+ 6:6 Луқ. 10:7, 1 Қӯр. 9:11, 1 Тим. 5:18

+ 6:7 Айюб 13:9, Айюб 4:8, Мас. 22:7, 2 Қӯр. 9:6

+ 6:8 Мас. 11:19, Ҳуш. 10:12, Яъқ. 3:18

+ 6:9 2 Тас. 3:13, Мат. 10:22

+ 6:10 Мас. 3:27, 3 Юҳ. 1:5, Ибр. 13:1

+ 6:11 1 Қӯр. 16:21, 2 Тас. 3:17, Филем. 1:19

+ 6:14 1 Қӯр. 2:2, Ғал. 2:19, Рум. 6:6

+ 6:15 1 Қӯр. 7:19, 1 Қӯр. 12:13, Ғал. 5:6, Эфс. 2:14, Қӯл. 3:11

+ 6:16 Заб. 124:5, Заб. 127:5

*НОМАИ*

*ҲАВВОРИИ МУҚАДДАС ПАВЛУС*

# БА ЭФСӮСИЁН

1 2 3 4 5 6

## Ҷалол додани Худо барои сирри нақшаи абадии наҷоти Ӯ, ки дар Масеҳ ба амал омадааст.

# 1

[1] Павлус, ки бо иродаи Худо ҳаввории Масеҳ аст, ба муқаддасоне ки дар Эфсӯс мебошанд ва дар Исои Масеҳ аминанд:

[2] Файз ва осоиштагӣ аз ҷониби Падари мо Худо ва Исои Масеҳи Худованд бар шумо бод.

[3] Муборак аст Худо ва Падари Худованди мо Исои Масеҳ, ки моро бо ҳар баракати рӯҳоние ки дар афлок аст, дар Масеҳ баракат додааст,+

[4] Чунон ки моро пеш аз таъсиси ҷаҳон дар Ӯ баргузидааст, то ки ба ҳузури Ӯ дар муҳаббат муқаддас ва беайб бошем+.

[5] Моро пешакӣ муайян намудааст, ки ба василаи Исои Масеҳ бар тибқи салоҳдиди иродаи Худ, ба фарзандӣ қабул кунад,+

[6] Барои ҳамду санои ҷалоли файзи Худ, ки ба мо дар Маҳбуби Худ бо саховатмандӣ бахшидааст.

[7] Дар Ӯ мо бо Хуни Ӯ фидияе ва омурзиши гуноҳҳоро бар ҳасби сарвати файзи Ӯ пайдо кардаем,+

[8] Ки онро Ӯ ба мо ба фаровонӣ ато намуда, ҳамроҳи ҳар ҳикмат ва хирадмандӣ

[9] Сирри иродаи Худро ба мо маълум кардааст, бар тибқи салоҳдиди Худ, ки пештар дар Ӯ барқарор намуд+.

[10] Вақте ки пуррагии замонҳо муяссар гардад, Худо ҳама чизро, хоҳ дар осмон бошад, хоҳ бар замин, зери сардории Масеҳ, яъне дар Ӯ ҷамъ хоҳад кард+.

[11] Мо низ дар Ӯ, ки ҳама чизро бар тибқи азми иродаи Худ ба амал меоварад, мувофиқи таъиноти Ӯ пешакӣ муайян шуда будем,

[12] То мо, ки пештар ба Масеҳ умед бастаем, барои ҳамду санои ҷалоли Ӯ вуҷуд дошта бошем.

[13] Дар Ӯ шумо низ, чун каломи ростиро, яъне башорати наҷоти худро шунидед ва ба Ӯ имон овардед, бо Рӯҳулқудси мавъуд мӯҳр зада шудаед,+

[14] Ва то замоне ки мулки Худо боз харида шавад, Он гарави мероси мост барои ҳамду санои ҷалоли Ӯ.

## Сарвати беҳадди мероси пур аз ҷалоли Худо барои имондорон.

[15] Бинобар ин ман низ, вақте ки аз имони шумо ба Исои Масеҳ ва
аз муҳаббати шумо ба ҳамаи муқаддасон хабардор шудам,+
[16] Шукргузориро барои шумо бас намекунам ва шуморо дар
дуоҳои худ ёд мекунам,
[17] То ки Худои Исои Масеҳи Худованди мо, Падари ҷалол рӯҳи
ҳикмат ва ваҳйро барои шинохтани Ӯ ба шумо ато намояд,
[18] Ва чашмони дили шуморо равшан созад, то шумо бидонед, ки
умеди даъвати Ӯ аз чӣ иборат аст, ва сарвати ҷалоли мероси Ӯ барои
муқаддасон чӣ гуна аст,+
[19] Ва бузургии қудрати Ӯ дар мо, ки имон дорем, чӣ гуна аз ҳад
берун аст. Он қудрат аз рӯи амали қуввати азими Ӯст,
[20] Ки дар Масеҳ амал кардааст, вақте ки Ӯро аз мурдагон эҳьё
намуд ва ба ямини Худ дар афлок шинонд,+
[21] Болотар аз ҳар сарварӣ, ва ҳукуматдорӣ, ва қудрат, ва салтанат,
ва ҳар номе ки на танҳо дар ин олам, балки дар олами оянда низ
хонда мешавад,+
[22] Ва ҳама чизро зери пойҳои Ӯ тобеъ намуд, ва Ӯро чун сари ҳама
чиз ба Калисо дод,+
[23] Ки он Бадани Ӯст, пуррагии Ӯст, ки ҳама чизро дар ҳама пур
мекунад+.

## Худо бар ҳасби муҳаббати бузурги Худ имондоронро ба воситаи Хуни Масеҳ наҷот медиҳад.

**2** 1 Шумо ба сабаби хатоҳо ва гуноҳҳои худ як вақте мурда будед+.

2 Дар онҳо шумо мувофиқи давраи ин олам ва иродаи мире ки дар ҳаво ҳукмрон аст, яъне он рӯҳе ки ҳоло дар писарони исьён амал мекунад, зиндагӣ мекардед+.

3 Дар миёни онҳо ҳамаи мо низ як вақте аз рӯи шаҳавоти ҷисми худ зиндагӣ карда, ҳавасҳои ҷисм ва хаёлотро ба ҷо меовардем ва табиатан, мисли дигарон, фарзандони ғазаб будем+.

4 Аммо Худои пур аз марҳамат, бар тибқи муҳаббати бузурге ки ба мо дорад,+

5 Моро, агарчи аз рӯи хатоҳо мурда будем, бо Масеҳ зинда кард, — бо файз шумо наҷот ёфтаед, —+

6 Ва бо Ӯ моро бархезонд ва дар афлок дар Исои Масеҳ шинонд,+

7 То ки дар асрҳои оянда сарвати беҳадди файзи Худро дар меҳрубоние ки ба мо дар Исои Масеҳ дорад, зоҳир намояд.

8 Зеро ки шумо бо файз ба воситаи имон наҷот ёфтаед, ва ин на аз шумост, балки атои Худост,+

9 Ва аз аъмол нест, то ки ҳеҷ кас фахр накунад+.

10 Зеро ки мо офаридаи Ӯ ҳастем ва дар Исои Масеҳ барои аъмоли нек, ки иҷрои онҳоро Худо пешакӣ барои мо таъин намудааст, ба вуҷуд оварда шудаем+.

11 Пас, дар хотир дошта бошед, ки як вақте ба ҳасби ҷисм шумо халқҳо будед, ва касоне ки махтун номида мешаванд, шуморо номахтун меномиданд, вале хатнаи онҳо ҷисмонист ва бо дасти инсон ба амал оварда шудааст;+

12 Дар он замон шумо бе Масеҳ, аз ҷамоати Исроил ҷудо ва нисбат ба аҳдҳои ваъда бегона будед, дар олам бе умед ва бе Худо будед+.

13 Аммо акнун, дар Исои Масеҳ, шумо, ки як вақте дур будед, бо Хуни Масеҳ наздик шудаед+.

## Ба воситаи Исо яҳудиён ва халқҳо иҷозат доранд, ки ба Падаре ки дар осмон аст, наздик шаванд.

14 Зеро ки Ӯ осоиштагии мост, ки ҳар дуро як гардонд ва девори ҷудоиро, яъне адоватро дар Бадани Худ хароб кард,+

15 Ва шариати аҳкомро, ки аз амрҳо иборат буд, ботил намуд, то ки дар Худ аз ҳар ду як одами навро ба вуҷуд оварда, осоиштагӣ барқарор намояд,+

16 Ва ба воситаи салиб дар як ҷисм ҳар дуро бо Худо оштӣ диҳад ва адоватро бикушад+.

17 Ӯ ба шумо, ки дур будед, ва ба онҳое ки наздик буданд, омад ва осоиштагиро башорат дод,+

18 Зеро ба воситаи Ӯ ҳар дуи мо иҷозат дорем, ки дар як Рӯҳ ба Падар наздик шавем.

19 Пас, шумо акнун на ғайр ҳастед ва на бегона, балки ҳамватани муқаддасонед ва аҳли хонаи Худо,+

20 Ва бар асоси ҳаввориён ва анбиё барқарор гардидаед, ки Худи Исои Масеҳ санги зовия аст+.

21 Бар Ӯ тамоми иморат маҳкам пайваст шуда, ба маъбади муқаддасе дар Худованд табдил меёбад,+

22 Ва бар Ӯ шумо низ бино меёбед, то ки дар Рӯҳ маскани Худо бошед+.

## Ваколати сирри Худо ба воситаи Калисои Масеҳ маълум мешавад.

3 [1] Барои ҳамин ҳам ман, Павлус, ба хотири шумо, халқҳо,
бандии Исои Масеҳ ҳастам+.
[2] Ҳамаи шумо дар бораи ваколати файзи Худо, ки ба ман барои
шумо ато шудааст, шунидаед,+
[3] Яъне чӣ тавр ба василаи ваҳй сирре ба ман маълум шудааст, ки
дар бораи он мухтасаран дар боло навиштаам,+
[4] Ва шумо онро хонда, метавонед бифаҳмед, ки ман аз сирри
Масеҳ чӣ қадар воқиф ҳастам.
[5] Он дар наслҳои пешина ба банӣ-одам маълум нашуда буд, чунон
ки ҳоло ба ҳаввориёни муқаддаси Ӯ ва ба анбиё ба василаи Рӯҳ ошкор
шудааст,
[6] Ки халқҳо ҳамирси Исроил ва андоми ҳамон ҷисм ва шарикони
ваъдаи онҳо дар Исои Масеҳ ба воситаи Инҷил ҳастанд+.
[7] Ман бар тибқи бахшоиши файзи Худо, ки ба ҳасби амали қуввати
Ӯ ба ман ато шудааст, хизматгузори он гардидаам+.
[8] Агарчи ман хурдтарини ҳамаи муқаддасонам, ин файз ба ман
ато шудааст, ки сарвати беқиёси Масеҳро ба халқҳо башорат диҳам+
[9] Ва ба ҳама равшан намоям, ки чист ваколати сирре ки аз азал
ниҳон буд дар Худое ки ҳама чизро ба василаи Исои Масеҳ ба вуҷуд
овард,+
[10] То ки ҳоло ба воситаи Калисо ба сарварон ва ҳукуматдороне ки
дар афлоканд, ҳикмати гуногуншакли Худо маълум гардад,+
[11] Мувофиқи таъиноти азалӣ, ки онро Ӯ дар Худованди мо Исои
Масеҳ ба амал овардааст,
[12] Ки ба василаи Ӯ ва ба воситаи имони мо ба Ӯ иҷозат дорем бо
ҷасорату эътимод наздик шавем+.
[13] Ба ин сабаб хоҳишмандам, ки аз боиси азобе ки ман аз барои
шумо дорам, маъюс нашавед, ки он фахри шумост+.

## Дуои ҳавворӣ дар бораи калисо ба хотири файзи фаровони Худо.

[14] Бинобар ин ман зону мезанам назди Падари Худованди мо Исои
Масеҳ,

[15] Ки аз Ӯ ҳар хонавода дар осмон ва бар замин ном мегирад,
[16] Ва илтимос мекунам, ки Худо бар тибқи сарвати ҷалоли Худ ато
фармояд, ки шумо бо Рӯҳи Ӯ дар одами ботин қавӣ ва мустаҳкам
шавед,+
[17] Ба тавре ки Масеҳ ба василаи имон дар дилҳои шумо сокин
гардад,+
[18] То ки шумо, дар муҳаббат реша давонда ва устувор шуда,
битавонед бо ҳамаи муқаддасон пай бурда дарк намоед, ки чист арзу
тӯл ва умқу баландии
[19] Муҳаббати Масеҳ, ки аз идрок болотар аст, то ки бо тамоми
пуррагии Худо пур шавед+.
[20] Ӯро, ки бо қуввате ки дар мо амал мекунад, қодир аст аз ҳар он
чи мо мехоҳем ё фикр мекунем, беандоза зиёдтар бикунад, —+
[21] Ӯро дар Калисо ва дар Исои Масеҳ аз насл ба насл то абад ҷалол
бод, омин+.

## Онҳое ки ба Исо имон доранд, осоиштагӣ ва ягонагиро нигоҳ дошта, Калисоро ташкил мекунанд.

4 [1] Пас, ман, ки дар Худованд бандӣ ҳастам, аз шумо
хоҳишмандам, ки муносиби мақоме ки ба он хонда шудаед,
рафтор кунед,+
[2] Бо тамоми мулоимат ва фурӯтанӣ ва пурсабрӣ якдигарро дар
муҳаббат таҳаммул намоед,+
[3] Ва саъю кӯшиш кунед, ки ягонагии Рӯҳро дар иттифоқи
осоиштагӣ нигоҳ доред:+
[4] Як Бадан ҳаст ва як Рӯҳ, чунон ки шумо низ ба як умеди муайян
даъват шудаед;+
[5] Як Худованд ҳаст, як имон, як таъмид,+
[6] Як Худо ва Падари ҳама, ки Ӯ бар болои ҳама, ва ба воситаи ҳама,
ва дар ҳама мебошад+.

## Хизматгузории гуногун дар калисо барои такмили он дар тахти Сари он, ки Масеҳ аст, мебошад.

[7] Аммо ба ҳар яке аз мо файз ба андозаи атои Масеҳ бахшида
шудааст+.
[8] Бинобар ин гуфта шудааст:
«Ба афроз сууд намуда,
асиронро ба асирӣ бурд ва ба одамон бахшоишҳо дод»+.
[9] Ва «сууд намуд» гуфтан чист, ҷуз ин ки Ӯ пештар ба асфали
замин нузул ҳам карда буд+?
[10] Он ки нузул карда буд, Ҳамон аст, ки болотар аз тамоми афлок
сууд ҳам намуд, то ки ҳама чизро пур кунад+.
[11] Ӯ баъзеро ҳаввориӣ, баъзеро анбиё, баъзеро башоратдиҳанда,
баъзеро шубон ва муаллим таъин намуд,+
[12] Барои такмили муқаддасон ба кори ибодат, ба бинои Бадани
Масеҳ,+
[13] То даме ки ҳамаамон ба ягонагии имон ва шиносоии Писари
Худо, ба дараҷаи шахси комил, ба андозаи бузургии пурраи Масеҳ
бирасем,+
[14] То ки мо дигар кӯдаконе набошем, ки бо боди ҳар таълим
калавонида ва ронда мешаванд, аз найрангбозии одамон, ки бо

талбис дар иштибоҳ андохта, гумроҳ мекунад,+
15 Балки дар муҳаббат ростиро баён намуда, мо дар ҳар чиз ба Он
ки Сар аст, яъне ба Масеҳ нумӯ ёбем+.
16 Аз Ӯ тамоми Бадан, ба воситаи ҳар навъ пайвандҳои
тақвияткунанда мустаҳкам ва пайваст шуда, бо амали ҳар андоми
ҷудогона ба андозаи хоси он, афзоиш меёбад, то ки худро дар
муҳаббат бино кунад.

## Дар бораи ҳаёти нави онҳое ки ба Масеҳ тааллуқ доранд.

17 Пас, чунин мегӯям ва дар Худованд шаҳодат медиҳам, ки шумо
дигар он тавр рафтор накунед, ки бутпарастон аз рӯи хаёлоти ҳеҷу
пучи худ рафтор мекунанд+.
18 Ақлашон тира гардида, онҳо аз ҳаёти Худо бегона шудаанд, ба
сабаби ҷаҳолат ва дилсахтие ки ба онҳо хос аст+.
19 Онҳо то ба дараҷаи лоуболӣ расида, ба фисқу фуҷур моил
шудаанд, ба тавре ки ҳар кори зиштро бо рағбати тамом ба ҷо
меоваранд+.
20 Вале шумо Масеҳро ин тавр ёд нагирифтед,
21 Дар сурате ки дар бораи Ӯ шунидаед ва дар Ӯ таълим гирифтаед,
— ба ҳасби ростие ки дар Исост, —
22 Пас рафтори пештараи одами кӯҳнаро, ки дар шаҳавоти
дилфиреб фосид мешавад, аз худ дур кунед,+
23 Ва хиради шумо бояд дар Рӯҳ тоза шавад,+
24 Ва одами навро, ки ба шабоҳати Худо дар адолат ва қудсияти
ростӣ офарида шудааст, дар бар кунед+.
25 Бинобар ин, кизбро аз худ дур карда, ҳар яке ба ёри худ рост
гӯед, чунки мо андоми якдигарем+.
26 Агар хашмгин шуда бошед, хато накунед ва нагузоред, ки ғазаби
шумо то ғуруби офтоб боқӣ бимонад;+
27 Ва ба иблис ҷой надиҳед+.
28 Касе ки duздӣ кардааст, дигар дуздӣ накунад, балки меҳнат
карда, бо дастҳои худ кори фоиданоке ба ҷо оварад, то чизе дошта
бошад, ки ба эҳтиёҷманде бибахшад+.
29 Ҳеҷ як сухани қабеҳе аз даҳонатон набарояд, балки фақат
сухани нек, ки дар вақти эҳтиёҷот барои обод кардан бошад, то ки ба
шунавандагонаш файз бахшад+.

30 Ва Рӯҳулқудси Худоро, ки бо Он ба интизори рӯзи озодӣ мӯҳр
зада шудаед, andӯҳгин накунед+.
31 Ҳар гуна кудурат ва қаҳр, ва ғазаб ва фарьёд, ва бадгӯӣ бигзор аз
шумо бо ҳар навъ шарорат дур шавад;+
32 Балки ба якдигар меҳрубон ва дилсӯз бошед ва якдигарро афв
намоед, чунон ки Худо низ моро дар Масеҳ афв намудааст+.

# 5

[1] Пас, чун фарзандони маҳбуб, ба Худо тақлид намоед,+
[2] Ва дар муҳаббат рафтор кунед, чунон ки Масеҳ низ ба мо
муҳаббат дошт ва Худро барои мо, ҳамчун ҳадия ва қурбонӣ ба Худо,
ҳамчун бӯи муаттар таслим намуд+.
[3] Лекин зино ва ҳар гуна нопокӣ ва тамаъкорӣ набояд дар байни
шумо ҳатто зикр ёбад, чунон ки ба муқаддасон муносиб аст;+
[4] Ҳамчунин алфози қабеҳа ва жожхоӣ ва масхарабозӣ, ки аз рӯи
одоб нест, набояд бошад, балки шукргузорӣ лозим аст;+
[5] Зеро инро яқин бидонед, ки ҳеҷ як зинокор, ё нопок, ё тамаъкор,
ки вай бутпараст аст, дар Малакути Масеҳ ва Худо мерос надорад+.
[6] Бигзор ҳеҷ кас шуморо бо суханони ботил фирефта накунад,
зеро ки барои ин ғазаби Худо бар писарони исьён меояд+.
[7] Пас, шарики онҳо нашавед+.
[8] Зеро ки шумо як вақте зулмот будед, вале ҳоло нуре дар
Худованд ҳастед: чун фарзандони нур рафтор кунед,+
[9] Чунки самари нур аз ҳар меҳрубонӣ, адолат ва ростӣ иборат аст;
[10] Ва таҳқиқ кунед, то бидонед он чи, ки Худо меписандад, чист+.
[11] Ва дар аъмоли бесамари зулмот иштирок накунед, балки онҳоро
фош намоед+.
[12] Зеро дар бораи корҳое ки онҳо пинҳонӣ мекунанд, сухан рондан
ҳам нанговар аст.
[13] Аммо ҳамаи ин фош гардида, дар рӯшноӣ зоҳир мешавад, зеро
ҳар он чи зоҳир мешавад, нур аст;+
[14] Бинобар ин гуфта шудааст:
«Эй ту, ки ҳоб рафтаӣ,
бархез ва аз мурдагон эҳьё шав,
ва Масеҳ бар ту нур хоҳад пошид»+.
[15] Пас, бодиққат назар кунед, ки чӣ гуна рафтор менамоед, на чун
бехирадон, балки чун хирадмандон,+
[16] Ва фурсатро ғанимат донед, чунки ин рӯзҳо шарир аст.
[17] Бинобар ин нодон набошед, балки дарк кунед, ки иродаи Худо
чист+.
[18] Ва масти шароб нашавед, ки аз он фисқу фуҷур ба амал меояд;
балки аз Рӯҳ пур шуда,+
[19] Ба якдигар бо таронаҳои Забур, мадҳияҳо ва сурудҳои рӯҳонӣ
суҳан гӯед ва дар дилҳои худ барои Худованд бисароед ва тараннум

намоед,+
[20] Ҳамеша барои ҳама чиз Худои Падарро ба исми Худованди мо
Исои Масеҳ шукр гӯед,+
[21] •Дар тарси Худо мутеи якдигар шавед.

## Қоидаҳои ҳаёти оилавии масеҳиён.

[22] Эй занон, мутеи шавҳарони худ шавед, мисли он ки ба Худованд
бошад,+
[23] Чунки шавҳар сари зан аст, чунон ки Масеҳ сари Калисо ва
Наҷотдиҳандаи бадан аст;+
[24] Аммо, чӣ тавре ки Калисо ба Масеҳ тобеъ аст, ҳамон тавр занон
низ бояд аз ҳар ҷиҳат ба шавҳарони худ тобеъ бошанд.
[25] Эй шавҳарон, занони худро дӯст доред, чунон ки Масеҳ низ ба
Калисо муҳаббат дошт ва Худро аз барои он таслим намуд,+
[26] То ки онро ба ғусли об пок карда, ба воситаи калом тақдис
намояд,+
[27] Ва ба ҳузури Худ Калисоро дар ҷалоле тақдим кунад, ки на доғе
дошта бошад, на нуқсоне, на чизе монанди ин, балки муқаддас ва
беайб бошад+.
[28] Ҳамин тавр бояд шавҳарон занони худро мисли ҷисми худ дӯст
доранд: он ки зани худро дӯст медошта бошад, худро дӯст медорад.
[29] Зеро ки ҳеҷ кас ҳаргиз ҷисми худро бад намебинад, балки онро
ғизо медиҳад ва гарм мекунад, чунон ки Худованд низ Калисоро;
[30] Чунки мо андоми Бадани Ӯ ҳастем, аз гӯшти Ӯ ва аз устухонҳои
Ӯ+.
[31] Аз ин сабаб мард падару модари худро тарк карда, бо зани худ
хоҳад пайваст, ва ҳар ду як тан хоҳанд буд+.
[32] Ин сир бузург аст, вале ман нисбат ба Масеҳ ва Калисо сухан
меронам.
[33] Пас, бигзор ҳар яке аз шумо зани худро мисли худ дӯст дорад, ва
зан аз шавҳари худ битарсад+.

6 [1] Эй фарзандон, ба падару модари худ дар Худованд итоат
намоед, зеро ки ин аз рӯи инсоф аст+.
[2] «Падар ва модари худро иззат намо», ин аст ҳукми аввалин бо
чунин ваъда:
[3] «То ки некӯаҳвол бошӣ ва бар замин умри дароз бинӣ»+.
[4] Ва шумо, эй падарон, фарзандони худро ба хашм наоваред, балки
онҳоро дар таълимот ва насиҳати Худованд тарбия кунед+.
[5] Эй ғуломон, ба оғоёни башарии худ бо тарсу ларз ва бо
соддадилӣ, мисли он ки ба Масеҳ бошад, итоат намоед,+
[6] На бо ҳозирхизматии зоҳирӣ, ҳамчун одампарастон, балки
ҳамчун ғуломони Масеҳ, ки иродаи Худоро аз таҳти дил ба ҷо
меоваранд+.
[7] Ғайратмандона хизмат кунед, мисли он ки ба Масеҳ бошад, на ба
одамон,
[8] Зеро медонед, ки ҳар кас, хоҳ ғулом бошад, хоҳ озод, ба андозаи
кори неке ки кардааст, аз Худованд мукофот хоҳад гирифт+.
[9] Ва шумо, эй оғоён, бо онҳо низ ҳамин тавр рафтор кунед, ва аз
таҳдид даст кашед, ва бидонед, ки бар сари шумо ҳам дар осмон Оғое
ҳаст, ва Ӯ рӯйбинӣ надорад+.

## Зиреҳи куллии рӯҳонӣ.

[10] Ниҳоят, эй бародаронам, дар Худованд ва дар тавоноии қудрати
Ӯ неруманд шавед.
[11] Зиреҳи куллии Худоро дар бар кунед, то ки битавонед ба
дасисаҳои иблис муқобилат намоед+.
[12] Чунки муборизаи мо на бар зидди хун ва ҷисм аст, балки бар
зидди сарварон, бар зидди ҳукуматдорон, бар зидди фармонравоёни
ин олами зулмот аст, бар зидди қувваҳои рӯҳии шарорат, ки дар
афлок аст+.
[13] Бинобар ин, зиреҳи куллии Худоро бигиред, то ки дар рӯзи бад
муқобилат намуда ва ҳама корҳоро анҷом дода, истодагӣ карда
тавонед.
[14] Пас, бо ростӣ камар баста ва ҷавшани адолатро дар бар карда,
биистед,+
[15] Ва пойафзоли омодагиро барои додани башорати осоиштагӣ ба
пои худ бипӯшед,+

16 Дар айни ҳол сипари имонро бигиред, ки бо он ҳамаи тирҳои
тафсони шарирро хомӯш карда метавонед;+
17 Ва хӯди наҷотро бигиред, ва шамшери Рӯҳро, ки каломи
Худост;+
18 Дар ҳар вақт дар Рӯҳ бо ҳар дуо ва илтимос дуо гӯед, ва ҳушьёр
ва босабот буда, ҳамеша дар бораи ҳамаи муқаддасон илтимос
кунед,+
19 Барои ман низ дуо гӯед, то ба ман калом ато шавад, ки даҳон
кушода, сирри башоратро боҷуръат баён намоям,+
20 Ки барои он ман дар занҷирҳо вазифаи сафирро ба ҷо меоварам,
то ки далерона ва ба таври бояду шояд сухан гӯям+.

## Сухани хотимавӣ.

21 •Ва барои он ки шумо низ аз вазъиятам ва корҳоям воқиф
шавед, Тӯхиқӯс, ки бародари маҳбуб ва хизматгузори амин дар
Худованд аст, шуморо аз ҳар хусус хабардор хоҳад кард,+
22 Ки ӯро барои ҳамин назди шумо фиристодам, то ки аз вазъияти
мо огоҳ бошед, ва ӯ дилҳои шуморо тасаллӣ диҳад+.
23 Бародаронро осоиштагӣ ва муҳаббат бо имон аз ҷониби Худои
Падар ва Исои Масеҳи Худованд бод.
24 Бо ҳамаи онҳое ки ба Худованди мо Исои Масеҳ муҳаббати
бефано доранд, файз бод, омин.

---

+ 1:3 1 Пет. 1:3, 2 Қӯр. 1:3

+ 1:4 Яҳ. 1:24, Қӯл. 1:22, 1 Тас. 4:7

+ 1:5 1 Юҳ. 3:2, Рум. 8:15-16, Ғал. 3:26

+ 1:7 Қӯл. 1:14

+ 1:9 Рум. 16:24, Эфс. 3:3-5, Эфс. 6:19

+ 1:10 Эфс. 2:14, Қӯл. 1:20

+ 1:13 Эст. 8:8, 2 Қӯр. 1:22, Эфс. 4:30

+ 1:15 Қӯл. 1:3-4

+ 1:18 Қӯл. 1:27

+ 1:20 Заб. 109:1, Аъм. 7:55-56, Рум. 8:34, Эфс. 2:6, Қӯл. 3:1

+ 1:21 1 Пет. 3:22, Рум. 8:38, 1 Қӯр. 15:24, Қӯл. 2:10, Ибр. 1:4

+ 1:22 Заб. 8:7, Заб. 109:1, 1 Қӯр. 15:27, 1 Қӯр. 11:3, Эфс. 5:23

+ 1:23 Эфс. 4:12, Эфс. 5:23, Эфс. 5:30, Қӯл. 1:18, 1 Қӯр. 15:28, Қӯл. 3:11

+ 2:1 Луқ. 15:24, Рум. 11:15, Қӯл. 1:21, Қӯл. 2:13

+ 2:2 Юҳ. 12:31, Юҳ. 14:30, Қӯл. 3:7

+ 2:3 Ғал. 5:16

+ 2:4 Юҳ. 3:16, 1 Юҳ. 3:1, Рум. 5:8

+ 2:5 Қӯл. 2:13, Тит. 3:5

+ 2:6 Эфс. 1:20

+ 2:8 Луқ. 7:50, Луқ. 8:48, Аъм. 15:11, 1 Пет. 1:5, Тит. 2:11, Тит. 3:5

+ 2:9 Рум. 3:27, Тит. 3:5, Рум. 3:27, 1 Қӯр. 1:29

+ 2:10 Тит. 2:14, Тит. 3:8

+ 2:11 Рум. 2:26, Рум. 2:28, Қӯл. 2:11

+ 2:12 Қӯл. 1:21, Рум. 9:4

+ 2:13 Зак. 6:15, Аъм. 2:39

+ 2:14 Иш. 9:6, Иш. 26:12, Мик. 5:5, Иш. 14:1, Эфс. 1:10, Қӯл. 1:22

+ 2:15 Рум. 7:4, Қӯл. 2:14

+ 2:16 Рум. 5:10, Қӯл. 1:20, Қӯл. 3:15

+ 2:17 Иш. 57:19

+ 2:19 Фпл. 3:20

+ 2:20 Қӯл. 2:7, Ваҳй 21:14, Заб. 117:22, Иш. 28:16

+ 2:21 1 Қӯр. 3:16-17

+ 2:22 1 Пет. 2:5

+ 3:1 Фпл. 1:7, Филем. 1:1, 2 Тим. 2:9

+ 3:2 Эфс. 4:7, Қӯл. 1:25

+ 3:3 Ғал. 1:12, Ғал. 2:2

+ 3:6 Ғал. 3:29, Эфс. 2:16, Мат. 8:11, Луқ. 13:29

+ 3:7 Қӯл. 1:23

+ 3:8 1 Қӯр. 15:9

+ 3:9 Қӯл. 1:26

+ 3:10 Эфс. 1:21

+ 3:12 Ибр. 4:16, Ибр. 10:19

+ 3:13 2 Тим. 2:10

+ 3:16 Эфс. 1:18, Қӯл. 1:27, Қӯл. 1:11

+ 3:17 Қӯл. 2:7

+ 3:19 Фпл. 4:7, Қӯл. 2:10

+ 3:20 Яҳ. 1:24, Рум. 16:24

+ 3:21 Рум. 11:36

+ 4:1 Эфс. 3:1, Фпл. 1:27, Қӯл. 1:10

+ 4:2 Фпл. 2:3, Қӯл. 3:13

+ 4:3 Қӯл. 3:14

+ 4:4 Эфс. 2:16, 1 Қӯр. 6:17

+ 4:5 1 Қӯр. 1:13

+ 4:6 Мал. 2:10, 1 Қӯр. 12:6

+ 4:7 Рум. 12:3, Эфс. 3:2

+ 4:8 Заб. 67:19

+ 4:9 Юх. 3:13

+ 4:10 Ибр. 4:14, Ибр. 7:26

+ 4:11 1 Қӯр. 12:28

+ 4:12 1 Қӯр. 12:27, Эфс. 1:23, Қӯл. 1:18

+ 4:13 Ибр. 5:12-13, Ибр. 6:1

+ 4:14 1 Қӯр. 13:11, 1 Қӯр. 14:20

+ 4:15 2 Пет. 3:18, Қӯл. 1:10, Қӯл. 2:19

+ 4:17 1 Пет. 4:3-4, Қӯл. 3:7

+ 4:18 Рум. 1:21, Марқ. 3:5

+ 4:19 1 Пет. 1:14, Рум. 1:24-28

+ 4:22 Қӯл. 3:8-9

+ 4:23 Рум. 12:2, 2 Қӯр. 4:16

+ 4:24 Ҳас. 1:26, Рум. 6:4, Қӯл. 3:10

+ 4:25 Иб. 19:11, Қӯл. 3:9, Зак. 8:16, Рум. 12:5

+ 4:26 Заб. 4:5

+ 4:27 Яъқ. 4:7

+ 4:28 Хур. 20:15, 1 Тас. 4:11, 2 Тас. 3:8, 2 Тас. 3:10, 1 Тим. 6:18

+ 4:29 Қӯл. 3:8

+ 4:30 Иш. 63:10, 1 Тас. 5:19, Эфс. 1:13

+ 4:31 1 Пет. 3:8, Қӯл. 3:8

+ 4:32 Мат. 6:14, Марқ. 11:25-26, Луқ. 7:41-42, 1 Пет. 3:8, Қӯл. 3:12-13

+ 5:1 Мат. 5:48

+ 5:2 Юҳ. 10:11, Юҳ. 15:13, 1 Юҳ. 3:16, Рум. 5:7-8, Ибр. 8:3, 1 Қӯр. 13:1, Қӯл. 3:14

+ 5:3 1 Қӯр. 6:18, Ғал. 5:19, 1 Тас. 4:3

+ 5:4 Эфс. 4:29

+ 5:5 Қӯл. 3:5, 1 Қӯр. 6:9-10, Ғал. 5:21

+ 5:6 Марқ. 13:5, Қӯл. 2:8, 2 Тас. 2:3, 1 Юҳ. 3:7, Рум. 1:18, Қӯл. 3:6

+ 5:7 2 Қӯр. 6:14

+ 5:8 Эфс. 2:1-2, Иш. 2:5, Мат. 5:14, Юҳ. 12:35, 1 Юҳ. 2:8, Рум. 13:12, Фпл. 2:15, 1 Тас. 5:5

+ 5:10 1 Тас. 2:4

+ 5:11 Рум. 13:12

+ 5:13 Юҳ. 3:20-21

+ 5:14 Рум. 13:11, Луқ. 1:78-79

+ 5:15 Қӯл. 4:5

+ 5:17 Рум. 12:2, 1 Тас. 5:18

+ 5:18 Мас. 20:1, Мас. 23:20, Мас. 31:4, 1 Тим. 5:23

+ 5:19 Аъм. 16:25, Яъқ. 5:13, 1 Қӯр. 14:15, Заб. 26:6, Қӯл. 3:16

+ 5:20 Қӯл. 2:7, 2 Тас. 1:3, 2 Тас. 2:13

● 5:21 *Қӯл. 3:17*

+ 5:22 Ҳас. 3:16, 1 Пет. 3:1

+ 5:23 Эфс. 1:22-23, 1 Қӯр. 11:3

+ 5:25 1 Пет. 3:7

+ 5:26 Юҳ. 13:8, 1 Қӯр. 6:11, Тит. 3:5, Ибр. 10:22

+ 5:27 2 Қӯр. 11:2, Ваҳй 14:4

+ 5:30 1 Қӯр. 6:15, Эфс. 1:23, Қӯл. 1:18

+ 5:31 Ҳас. 2:24, Мат. 19:5, Марқ. 10:7-8, 1 Қӯр. 6:16

+ 5:33 Эст. 1:20, 1 Пет. 3:1-6

+ 6:1 Хур. 20:12, Мас. 1:8, Мас. 6:20, Мас. 23:22

+ 6:3 Так. Шар. 5:16

+ 6:4 Так. Шар. 4:9, Так. Шар. 6:7, Мас. 13:24, Мас. 19:18, Мас. 22:6

+ 6:5 1 Пет. 2:18, Қӯл. 3:22, 1 Тим. 6:1, Тит. 2:9

+ 6:6 Ғал. 3:28

+ 6:8 Қӯл. 3:24

+ 6:9 Иб. 25:43, Так. Шар. 10:17

+ 6:11 2 Қӯр. 6:7, 2 Қӯр. 10:4, 1 Пет. 5:8, 1 Юҳ. 2:13

+ 6:12 Луқ. 22:53, Қӯл. 1:13, Эфс. 1:21

+ 6:14 Иш. 11:5, Иш. 59:17, 1 Тас. 5:8

+ 6:15 Иш. 52:7, Рум. 10:15

+ 6:16 1 Юҳ. 5:4

+ 6:17 Ибр. 4:12

+ 6:18 Луқ. 18:1, Луқ. 21:36, Яҳ. 1:20, Рум. 12:12, Қӯл. 4:2, 1 Тас. 5:17, Марқ. 13:33

+ 6:19 Аъм. 4:29, Қӯл. 4:3, 1 Тас. 5:25, 2 Тас. 3:1

+ 6:20 Аъм. 21:33, Аъм. 28:20, 2 Қӯр. 5:20

● 6:21 *Қӯл. 4:7-8*

+ 6:21 Аъм. 20:4

+ 6:22 Қӯл. 2:2

*НОМАИ*

*ҲАВВОРИИ МУҚАДДАС ПАВЛУС*

# БА ФИЛИППИЁН

1 2 3 4

## Масеҳ ҳаёти имондор аст.

1 [1] Павлус ва Тимотиюс, ғуломони Исои Масеҳ, ба ҳамаи
муқаддасон дар Исои Масеҳ, ки дар Филиппӣ мебошанд, бо
усқуфон* ва ходимон:+
[2] Файз ва осоиштагӣ аз ҷониби Падари мо Худо ва Исои Масеҳи
Худованд бар шумо бод.
[3] Дар ҳар боре ки шуморо ёд мекунам, Худои худро шукр
мегӯям,+
[4] Ҳамеша дар ҳар дуои худ барои ҳамаи шумо бо шодӣ дуо
мегӯям,
[5] Барои иштироки шумо дар башорат аз рӯзи аввал то алҳол,+
[6] Ва яқин дорам, ки Ӯ, ки дар шумо ба кори хайр шурӯъ намудааст,
онро то рӯзи Исои Масеҳ ба анҷом хоҳад расонд,+
[7] Чунон ки маро лозим аст дар бораи ҳамаи шумо ҳамин тавр
фикр кунам, чунки шумо дар дили ман ҷойгир шудаед, ки ҳам дар
занҷирҳоям ва ҳам дар муҳофизат ва барқарор кардани башорат
ҳамаатон шарики ман дар файз ҳастед+.

## Шодие ки уқубатро мағлуб мекунад, ба башорат мадад мерасонад.

[8] Зеро Худо маро шоҳид аст, ки ман бо муҳаббати Исои Масеҳ
иштиёқманди ҳамаи шумо ҳастам;+
[9] Ва дар он хусус дуо мегӯям, ки муҳаббати шумо дар дониш ва
мулоҳизакорӣ торафт афзунтар гардад,+
[10] То шумо дарк намоед, ки чӣ беҳтар аст, барои он ки дар рӯзи
Масеҳ пок ва беайб бошед,
[11] Ва аз самари адолат пур шавед, ки он ба василаи Исои Масеҳ
барои ҷалол ва ҳамду санои Худост.
[12] Эй бародарон, мехоҳам шумо бидонед, ки саргузашти ман боиси
пешрафти зиёдтари башорат гардидааст,
[13] Ба тавре ки занҷирҳои ман дар Исо ба тамоми сарбозхона ва ба
ҳамаи дигарон машҳур шудааст,+
[14] Ва аксарияти бародарон аз занҷирҳои ман дар Худованд устувор
гардида, ба андозаи бештар ҷасорат мекунанд, ки каломи Худоро
нотарс мавъиза намоянд+.

[15] Дуруст аст, ки баъзе касон аз рӯи ҳасад ва рақобат, ва баъзеи
дигарон аз рӯи хайрхоҳӣ Масеҳро мавъиза менамоянд:+
[16] Баъзеҳо аз рӯи рақобат, на бо дили соф Масеҳро мавъиза
менамоянд, ба гумони он ки гаронии занҷирҳои маро афзун
мекунанд,
[17] Вале дигарон аз рӯи муҳаббат, чун медонанд, ки ман барои
муҳофизат кардани башорат дар ин ҷо гузошта шудаам.
[18] Хайр, чӣ мешавад? Масеҳро ба ҳар тарз, риёкорона ё самимона,
мавъиза намоянд ҳам, ман аз ин шодам, ва шодӣ хоҳам кард,
[19] Зеро медонам, ки ин боиси наҷоти ман хоҳад шуд, мувофиқи
дуои шумо ва бо мадади Рӯҳи Исои Масеҳ,+
[20] Ва ман яқин дорам ва умедворам, ки дар ҳеҷ хусус шарманда
нахоҳам шуд, балки бо камоли ҷуръат ҳозир ҳам, чунон ки ҳамеша
буд, Масеҳ дар ҷисми ман бузургӣ хоҳад ёфт, хоҳ дар ҳаёт бошад, хоҳ
дар мамот+.
[21] Зеро ки барои ман ҳаёт — Масеҳ аст, ва мамот — фоида аст.
[22] Аммо агар ба ҳасби ҷисм дар ҳаёт буданам ба кори ман самаре
мебахшида бошад, пас намедонам, ки кадомашро интихоб намоям.
[23] Ҳар дуяш ҳам маро ҷазб мекунад: орзу дорам, ки баромада
равам ва ҳамроҳи Масеҳ бошам, чунки ин беандоза беҳтар аст;+
[24] Валекин дар ҷисм монданам барои шумо зарууртар аст.
[25] Ва ман аниқ медонам, ки хоҳам монд ва барои пешрафт ва
шодии имони шумо бо ҳамаи шумо хоҳам буд,
[26] То ки ҳамду санои шумо дар Исои Масеҳ ба воситаи ман
афзунтар шавад, чун бори дигар назди шумо биёям.

## Даъват ба ҷидду ҷаҳди якдилона барои имони Инҷил.

[27] Фақат ин ки муносиби башорати Масеҳ умр гузаронед, то ки
ман — хоҳ омада шуморо бинам, хоҳ аз шумо дур бошам — дар бораи
шумо бишнавам, ки шумо дар як рӯҳ қоим буда, якдилона барои
имони Инҷил ҷидду ҷаҳд менамоед,+
[28] Ва дар ҳеҷ хусус аз душманон наметарсед, ки ин барои онҳо
аломати ҳалокат аст, вале барои шумо аломати наҷот аст, — ва ин аз
ҷониби Худост,
[29] Зеро ба шумо ба хотири Масеҳ ато шудааст, ки ба Ӯ на танҳо
имон оваред, балки барои Ӯ уқубат ҳам кашед,+

[30] Бо ҳамон корнамоие ки шумо дар ман дидаед ва ҳоло дар бораи ман мешунавед+.

## Даъват ба ягонагӣ ва фармонбардорӣ.

**2** 1 Пас, агар тасаллое дар Масеҳ бошад, агар хушнӯдии муҳаббат
бошад, агар алокаи рӯҳ бошад, агар марҳамат ва дилсӯзӣ бошад, —
2 Пас шодии маро пурра кунед, ба тавре ки дорои як фикр бошед,
дорои як муҳаббат буда, якдил ва ҳамфикр бошед,+
3 Аз рӯи рақобат ё шӯҳратпарастӣ ҳеҷ коре накунед, балки бо
фурӯтанӣ якдигарро аз худ авло донед,+
4 Ва ҳар яке на танҳо дар бораи худаш, балки дар бораи дигарон
низ ғамхорӣ намояд+.
5 Зеро дар шумо низ бояд айни ҳамон ҳиссиёт бошад, ки дар Исои
Масеҳ буд,
6 Ки Ӯ, бо вуҷуди он ки дар сурати Худо буд, бо Худо баробар
буданро ҳарисона барои Худ нигоҳ надошт+.
7 Балки Худро кам дониста, ба сурати ғулом даромад ва ба одамон
монандӣ пайдо карда, ба зоҳир мисли одамизод шуд,+
8 Ва Худро фурӯтан сохта, то вақти мамот, то дами мавти салиб
фармонбардор буд+.
9 Бинобар ин Худо низ Ӯро сарафроз кард ва ба Ӯ номе дод, ки аз
ҳар ном болотар аст,+
10 То ки ба исми Исо ҳар зонуе ки дар осмон ва бар замин ва зери
замин аст, хам шавад,+
11 Ва ҳар забон зътироф намояд, ки Исои Масеҳ Худованд аст
барои ҷалоли Худои Падар.

## Ғамхорӣ дар бораи наҷоти ҷон.

12 Пас, эй маҳбубонам, модоме ки шумо ҳамеша фармонбардор
будед, аз ин рӯ — на танҳо дар ҳузури ман, балки боз ҳам зиёдтар
алҳол, дар вақти набудани ман, — бо тарсу ларз наҷоти худро ба амал
оваред,
13 Зеро ки Худо дар шумо, бо ҳусни таваҷҷӯҳи Худ, ҳам хоҳиш ва
ҳам амалро ба вуҷуд меоварад+.
14 Ҳар корро бе шиква ва шубҳа ба ҷо оваред,
15 То ки бенуқсон ва пок, фарзандони беайби Худо бошед, дар
миёни насли саркаш ва фосид, ки дар он шумо мисли найирҳо дар
ҷаҳон медурахшед,+

16 Ва каломи ҳаётро нигоҳ доред, то ки ман дар рӯзи Масеҳ фахр
намоям, ки ман бар абас надавидаам ва бар абас меҳнат накардаам+.
17 Лекин, агар ман курбонии рехтание бар курбонӣ ва ибодати
имони шумо шавам ҳам, аз ин шодам ва бо ҳамаи шумо шодӣ
мекунам;+
18 Шумо низ аз ин шод бошед ва бо ман шодӣ кунед.

## Ба зудӣ фиристодани Тимотиюс ва фавран баргардонидани Эпафрӯдитус.

19 Ва дар Масеҳи Худованд умедворам, ки Тимотиюсро ба зудӣ
назди шумо фиристонам, то ки ман низ аз аҳволатон хабар ёфта,
рӯҳбаланд шавам+.
20 Зеро каси дигаре мисли ӯ надорам, ки дар бораи шумо аз
самими қалб ғамхорӣ мекарда бошад;
21 Чунки ҳама нафъи худро толибанд, на он чиро, ки ба Исои
Масеҳ тааллуқ дорад+.
22 Вале шумо бовафоии ӯро медонед, чунки ӯ ба ман, мисли писар
ба падар, дар башорат хизмат кардааст+.
23 Пас, умедворам, ки ӯро дарҳол равона кунам, чун бубинам, ки
аҳволи ман чӣ мешавад;
24 Вале дар Худованд боварӣ дорам, ки худам низ ба зудӣ биёям.
25 Аммо лозим донистам, ки Эпафрӯдитусро назди шумо
баргардонам. Ӯ бародар ва ҳамкор ва ҳамсафи ман аст, ва шумо ӯро
чун элчӣ ва хизматгузор дар мӯҳтоҷии ман фиристода будед+.
26 Чунки ӯ иштиёқманди дидори ҳамаи шумо буд ва бисьёр
андӯҳгин шуд аз он ки овозаи бемории ӯ ба гӯши шумо расидааст.
27 Ҳақиқатан бемории ӯ марговар буд; лекин Худо ба ӯ марҳамат
кард, ва на фақат ба ӯ, балки ба ман низ, то ки бар ғуссаи ман ғуссае
зам нашавад.
28 Бинобар ин ба фиристодани ӯ шитоб намудам, то ки шумо Ӯро
аз нав дида, хурсанд шавед, ва ғуссаи ман низ сабук гардад.
29 Пас ӯро дар Худованд бо камоли хурсандӣ пазироӣ намоед, ва
чунин одамонро қадрдонӣ кунед,+
30 Зеро ки ӯ барои кори Масеҳ ба мурдан наздик буд ва ҷонашро
дар зери хатар монд, то ки камии хизмати шуморо барои ман пур
кунад.

## Огоҳонидан аз баргаштан ба ақидаи яҳудиён дар бораи сафедшавӣ ба воситаи аъмол.

## Бузургии беҳадди дониши Исо.

**3** 1 Пас, эй бародаронам, дар Худованд шод бошед. Айни ҳамон
нуктаро ба шумо навиштанам барои ман гарон нест, лекин барои
шумо қувватбахш аст+.
2 Аз сагон эҳтиёт шавед, аз коркунони бад эҳтиёт шавед, аз хатна
эҳтиёт шавед;+
3 Зеро аҳли хатна моем, ки Худоро дар Рӯҳ ибодат менамоем, ва
бо Исои Масеҳ фахр мекунем, ва ба ҷисм эътимод надорем,+
4 Гарчанде ки маро асосе ҳаст ба ҷисм ҳам эътимод дошта бошам.
Агар каси дигар гумон кунад, ки метавонад ба ҷисм эътимод дошта
бошад, ман — бештар,+
5 Ки ман дар рӯзи ҳаштум маҳтун шудам, аз насли Исроил ҳастам,
аз сибти Биньёмин, ибронӣ аз иброниён, аз ҷиҳати шариат —
фарисӣ,+
6 Аз ҷиҳати ғайрат — таъқибкунандаи Калисо, аз ҷиҳати адолати
шаръӣ — беайб+.
7 Лекин он чи барои ман бартарӣ буд, ба ҳотири Масеҳ нуқсон
донистам.
8 Ва ҳанӯз ҳамаашро ба ҳотири афзалияти дониши Худованди ман
Исои Масеҳ нуқсон медонам, ки барои Ӯ ман аз ҳамааш даст
кашидам ва ҳамаашро ахлот медонам, то ки Масеҳро пайдо кунам+
9 Ва дар Ӯ пайдо шавам, на бо адолати худ, ки аз шариат аст, балки
бо он чи ба воситаи имон ба Масеҳ аст, яъне бо адолате ки аз Худо
бар ҳасби имон аст,+
10 То ки Ӯро, ва қуввати эҳьёи Ӯро, ва ширкати уқубатҳои Ӯро дарк
намоям ва дар мамоти Ӯ ба Ӯ монанд шавам,+
11 Ба умеди он ки ба эҳьёи мурдагон бирасам.
12 На ин ки аллакай расида бошам, ё комил шуда бошам, балки
саъю кӯшиш менамоям, ки шояд ман ҳам бирасам, чунон ки Исои
Масеҳ ба ман расидааст+.
13 Эй бародарон, гумон намекунам, ки ман аллакай расида бошам,
балки фақат як чизро мегӯям: он чиро, ки дар қафост, аз ҳотир

бароварда ва ба пеш ҳаракат карда,
14 Ман сӯи мақсаде шитоб менамоям, ки фарҷоми ғолибонаи
даъвати Худост аз арши аъло дар Исои Масеҳ+.
15 Пас, ҳар касе аз мо, ки комил бошад, бояд ҳамин тавр фикр
ронад; вале агар шумо фикри дигаре дошта бошед, Худо инро ҳам ба
шумо ошкор ҳоҳад соҳт+.
16 Аммо ба ҳар чи мо расидаем, аз рӯи он бояд рафтор кунем.

## Онҳое ки ба таври дуньёвӣ фикр мекунанд ва табааи осмон мебошанд.

17 Эй бародарон, ба ман тақлид намоед ва ба касоне нигоҳ кунед,
ки онҳо мувофиқи намунае ки дар мо доред, рафтор мекунанд+.
18 Зеро бисьёр касон, ки дар бораи онҳо ба шумо борҳо гуфтаам, ва
ҳоло низ бо гирья мегӯям, ҳамчун душманони салиби Масеҳ рафтор
мекунанд;
19 Фарҷоми онҳо ҳалокат аст, худои онҳо шикам аст, ва ҷалоли
онҳо дар нанг аст: онҳо дар бораи чизҳои заминӣ фикр мекунанд+.
20 Лекин иқоматгоҳи мо акнун дар осмон аст, ки аз он ҷо Исои
Масеҳи Худовандро, ҳамчун Наҷотдиҳанда, интизор дорем,+
21 Ки Ӯ ҷисми залили моро ба шабоҳати ҷисми ҷалили Ӯ бо амали
ҳамон қуввате дигаргун ҳоҳад кард, ки бо он Ӯ ҳама чизро ба Худ
тобеъ намуда метавонад+.

## Машваратҳои хотимавӣ.

4 1 Пас, эй бародарони маҳбуб ва матлуби ман, эй шодмонӣ ва
тоҷи сари ман, дар Худованд ҳамин тавр истодагӣ намоед, эй
маҳбубон.
2 Аз Авҳӯдия илтимос мекунам ва аз Сунтихӣ илтимос мекунам,
ки дар Худованд ҳамфикр бошанд+.
3 Аз ту низ, эй ҳамкори самимӣ, хоҳишмандам, ки ба ин занон
кӯмак бирасонӣ, ки онҳо дар роҳи башорат бо ман ва бо Қлимис ва бо
ҳамроҳони дигарам, ки номашон дар дафтари ҳаёт аст, ҷидду ҷаҳд
кардаанд+.
4 Ҳамеша дар Худованд шод бошед; боз мегӯям: шод бошед+.
5 Бигзор фурӯтании шумо ба ҳамаи одамон машҳур гардад;
Худованд наздик аст+.
6 Ҳеҷ ғам нахӯред, аммо ҳамеша дар дуо ва илтимос бо
шукргузорӣ хоҳишҳои худро ба Худо ошкор намоед, —+
7 Ва осоиштагии Худо, ки аз ҳар хирад болотар аст, дилҳои шумо
ва фикрҳои шуморо дар Исои Масеҳ нигоҳ хоҳад дошт+.
8 Хуллас, эй бародарон, ҳар он чи рост аст, ва ҳалол аст, ва
боинсоф аст, ва пок аст, ва хушоянд аст, ва шоёни таҳсин аст, ва ҳар
эҳсон ва ҳамде ки бошад, — дар бораи онҳо фикр кунед.
9 Он чи шумо дар ман омӯхтаед, ва қабул кардаед, ва шунидаед, ва
дидаед, — онҳоро ба ҷо оваред, ва Худои осоиштагӣ бо шумо хоҳад
буд+.

## Миннатдории ҳаввориӣ барои садақае ки ба ӯ фиристода шудааст.

10 Ва ман дар Худованд бағоят шод шудам, ки алҳол шумо
ғамхории худро дар ҳаққи ман аз нав ривоҷ додаед; пештар ҳам
шумо ғамхорӣ менамудед, вале вазъият мусоидат намекард.
11 На ин ки ба сабаби мӯҳтоҷӣ мегуфта бошам; зеро ман ёд
гирифтаам, ки бо он чи дорам, қаноат намоям:+
12 Дар камбағалӣ ҳам зиста метавонам, дар фаровонӣ ҳам; дар ҳар
чиз ва дар ҳар ҷо аз сар гузаронидани серӣ ва гуруснагӣ, фаровонӣ ва
камиро ёд гирифтаам;+

13 Ҳамааш аз дастам меояд, бо мадади Масеҳ, ки маро кувват
мебахшад+.
14 Лекин хуб кардед, ки дар андӯҳи ман шарик шудед+.
15 Ва шумо, эй филиппиён, медонед, ки дар ибтидои башорат,
вақте ки аз Мақдуния баромадам, ҳеҷ як калисо дар кори додану
гирифтан бо ман шарикӣ накард, ба ғайр аз шумо;
16 Ҳатто ба Таслӯникӣ шумо як-ду карат барои эҳтиёҷоти ман
фиристодед+.
17 На ин ки ман талабгори ҳадия бошам, балки толиби самаре
ҳастам, ки ба фоидаи шумо биафзояд+.
18 Ман ҳамаашро гирифтам ва ба қадри барзиёд дорам; ва ман аз
ҳар чиз пур гаштам, вақте ки ҳадияи фиристодаи шуморо, ҳамчун
бӯи муаттар, ҳамчун қурбонии хуши писандидаи Худо, аз дасти
Эпафрӯдитус гирифтам+.
19 Ва Худои ман ҳар эҳтиёҷи шуморо ба ҳасби сарвати ҷалоли Худ
дар Исои Масеҳ пур хоҳад кард+.
20 Худо, Падари моро то абад ҷалол бод, омин.

## Саломҳо.

21 Ба ҳар як муқаддас дар Исои Масеҳ салом гӯед. Бародароне ки бо
ман мебошанд, ба шумо салом мегӯянд+.
22 Ҳамаи муқаддасон, алалхусус аз хонаи қайсар ба шумо салом
мегӯянд+.
23 Файзи Худованди мо Исои Масеҳ бо ҳамаи шумо бод, омин.

---

* 1:1 Дар асри якуми милодӣ усқуф роҳбари калисои маҳаллӣ буд.

---

+ 1:1 Аъм. 16:1

+ 1:3 Рум. 1:8, Филем. 1:4, 2 Тим. 1:3

+ 1:5 Аъм. 16:12-40

+ 1:6 1 Қӯр. 1:8

+ 1:7 2 Қӯр. 7:3, Эфс. 3:1, Қӯл. 4:18, 2 Тим. 2:9, Филем. 1:1, Фпл. 4:14

+ 1:8 Рум. 1:9, Рум. 9:1

+ 1:9 Қӯл. 1:9, 1 Тас. 3:12-13, Филем. 1:6

+ 1:13 Аъм. 28:30

+ 1:14 Аъм. 4:31

+ 1:15 2 Қӯр. 11:13

+ 1:19 Аъм. 16:7

+ 1:20 Марқ. 8:38, Рум. 1:16, Рум. 14:8, 2 Қӯр. 5:15

+ 1:23 2 Тим. 4:6

+ 1:27 Эфс. 4:1

+ 1:29 Мат. 5:11-12

+ 1:30 Қӯл. 1:29, 1 Тим. 4:10

+ 2:2 Фпл. 4:2, 1 Пет. 3:8, Рум. 12:16

+ 2:3 Ғал. 5:26, Рум. 12:10, Эфс. 4:2

+ 2:4 Рум. 15:2-3

+ 2:6 Юҳ. 1:1, Юҳ. 5:18, Юҳ. 10:33

+ 2:7 Иш. 42:1, Мат. 20:28, Рум. 8:3, 2 Қӯр. 8:9

+ 2:8 Марқ. 14:36, Ибр. 5:8

+ 2:9 Мат. 28:18, Эфс. 1:21, Ибр. 1:4

+ 2:10 Иш. 45:23, Рум. 14:11

+ 2:13 1 Қӯр. 12:6

+ 2:15 Яҳ. 1:24, Мат. 5:14, Эфс. 5:8

+ 2:16 Ғал. 2:2

+ 2:17 Аъм. 21:13, 2 Тим. 4:6

+ 2:19 Аъм. 16:1, 1 Тас. 3:2

+ 2:21 1 Қӯр. 10:24, 1 Қӯр. 13:5

+ 2:22 1 Қӯр. 14:7, 1 Тим. 1:2, 2 Тим. 1:2

+ 2:25 Фпл. 4:18

+ 2:29 Рум. 16:2, 1 Қӯр. 16:18, 1 Тас. 5:12-13, 1 Тим. 5:17

+ 3:1 Фпл. 4:4

+ 3:2 Заб. 21:17, Заб. 21:21

+ 3:3 Рум. 2:29, Эфс. 2:11, Қӯл. 2:11

+ 3:4 2 Қӯр. 11:18

+ 3:5 Ҳас. 17:12, Иб. 12:3, Рум. 11:1, Аъм. 23:6, Аъм. 26:5

+ 3:6 Аъм. 8:3, Ғал. 1:13, Марқ. 10:20, Луқ. 1:6, Аъм. 22:3, Аъм. 26:5

+ 3:8 Ирм. 9:24

+ 3:9 Рум. 9:30-31, Рум. 10:5

+ 3:10 Рум. 8:17, 2 Қӯр. 1:5, Қӯл. 1:24, 1 Пет. 4:13, Рум. 6:5

+ 3:12 Ибр. 11:40

+ 3:14 1 Пет. 5:4, 1 Қӯр. 9:24-25, 2 Тим. 2:5

+ 3:15 1 Қӯр. 2:6

+ 3:17 1 Пет. 5:3, 2 Тас. 3:9, 1 Тим. 4:12, Тит. 2:7

+ 3:19 2 Қӯр. 11:15, 1 Тас. 5:3, Марқ. 8:33

+ 3:20 Эфс. 2:19, Аъм. 1:11, 1 Қӯр. 1:7

+ 3:21 1 Қӯр. 15:35-52, 1 Юҳ. 3:2, Рум. 8:29, 2 Қӯр. 3:18, Қӯл. 3:1

+ 4:2 Фпл. 2:2

+ 4:3 Хур. 32:32, Заб. 68:29, Ваҳй 3:5

+ 4:4 Фпл. 3:1, 1 Тас. 5:16

+ 4:5 Яък. 5:8

+ 4:6 Мат. 6:25, 1 Пет. 5:7

+ 4:7 Юх. 14:27, Фпл. 4:7, Қӯл. 3:15

+ 4:9 Рум. 15:33, 2 Тас. 3:16

+ 4:11 1 Тим. 6:6, 1 Тим. 6:8

+ 4:12 1 Қӯр. 4:11, 2 Қӯр. 11:27

+ 4:13 1 Тим. 1:12

+ 4:14 Фпл. 1:7

+ 4:16 Аъм. 17:1

+ 4:17 Рум. 1:13

+ 4:18 Фпл. 2:25, Ҳас. 8:21, Хур. 29:18

+ 4:19 Заб. 22:1, 2 Қӯр. 9:8

+ 4:21 Ғал. 1:2

+ 4:22 2 Қӯр. 13:12

*НОМАИИ*

*ҲАВВОРИИ МУҚАДДАС ПАВЛУС*

# БА ҚӮЛАССИЁН

1 2 3 4

## Салом ва дуои ҳаввори̅.

1 1 Павлус, ки бо иродаи Худо ҳаввории Исои Масеҳ аст, ва
бародари мо Тимотиюс+
2 Ба муқаддасон ва бародарони амин дар Исои Масеҳ, ки дар
Қӯлассо мебошанд: файз ва осоиштаги̅ аз ҷониби Падари мо Худо ва
Исои Масеҳи Худованд бар шумо бод.
3 Худо, Падари Худованди мо Исои Масеҳро шукргузори̅ мекунем
дар ҳар вақте ки дар ҳаққи шумо дуо мегӯем,+
4 Баъд аз шунидани овозаи он имоне ки шумо ба Исои Масеҳ ва он
муҳаббате ки ба ҳамаи муқаддасон доред,
5 Ба хотири умеде ки бароятон дар осмон муҳайёст, ки дар бораи
он шумо пештар дар каломи рости̅, яъне дар башорат шунидаед,+
6 Ки он ба шумо, чунон ки ба тамоми ҷаҳон низ расидааст, ва он
самара мебахшад ва афзоиш меёбад, чунон ки дар миёни шумо низ
аз он рӯзе ки файзи Худоро дар рости̅ шунидаед ва донистаед,+
7 Чи̅ тавре ки аз Эпафрос таълим гирифтаед, ки ӯ ҳамкори
маҳбуби мо ва хизматгузори амине барои шумо дар Масеҳ аст,+
8 Ва ӯ моро аз муҳаббати шумо, ки дар Рӯҳ аст, огоҳ кардааст.
9 Бинобар ин мо низ аз он рӯзе ки инро шунидаем, дар ҳаққи
шумо дуо ва илтимосро бас намекунем, то ки шумо аз дониши
иродаи Ӯ дар ҳар ҳикмат ва фаҳми рӯҳони̅ пур шавед,+
10 Ба тавре ки муносиби Худованд рафтор намуда, аз ҳар ҷиҳат ба
Ӯ писанд оед, ва дар ҳар кори нек самара диҳед, ва дар дониши Худо
нашъунамо ёбед,+
11 Ва бар тибқи иқтидори ҷалоли Ӯ бо тамоми қувват мустаҳкам
шавед, то ки бо шоди̅ дорои ҳар сабот ва сабр бошед,+
12 Ва Падарро шукргузори̅ намоед, ки Ӯ моро ба мероси
муқаддасон дар нур шарик гардонидааст,
13 Ва Ӯ моро аз салтанати зулмот халоси̅ дода, ба Малакути Писари
маҳбуби Худ дохил кардааст,+
14 Ки дар Ӯ мо фидияе ба воситаи Хуни Ӯ ва омурзиши гуноҳҳоро
пайдо кардаем,+

## Ҷалоли беҳиёси шахсият ва корнамоии Масеҳ.

15 Ки Ӯ сурати Худои нонамоён ва нахустзодаи тамоми махлуқот
аст;+
16 Чунки ҳама чиз дар осмон ва бар замин, ҳар чизи намоён ва
нонамоён, дар Ӯ офарида шудааст: хоҳ тахтҳо, хоҳ салтанатҳо, хоҳ
сарвариҳо ва хоҳ ҳукуматдориҳо, — ҳамааш ба воситаи Ӯ ва барои Ӯ
ба вуҷуд оварда шудааст;+
17 Ва Ӯ пеш аз ҳама чиз аст, ва ҳама чиз дар Ӯ вуҷуд дорад.
18 Ва Ӯ сари бадан, яъне Калисост; Ӯ навбар ва нахустзода аз
мурдагон аст, то ки дар ҳама чиз Ӯ аввалин бошад,+
19 Зеро писандидаи Худо ҳамин буд, ки тамоми илоҳият дар Ӯ
сокин бошад,+
20 Ва ба воситаи Ӯ ҳама чизро бо Худ оштӣ дода, бо хуни салиби Ӯ
осоиштагиро барқарор намояд, яъне он чиро, ки бар замин аст, ва он
чиро, ки дар осмон аст, ба василаи Ӯ оштӣ диҳад+.
21 Ва шуморо, ки як вақте, ба сабаби майл доштанатон ба аъмоли
бад, бегона ва душман будед,+
22 Ҳоло дар ҷисми башарии Ӯ ба воситаи мамоти Ӯ оштӣ додааст,
то ки шуморо назди Худ муқаддас ва бе айбу нуқсон ҳозир кунад,+
23 Фақат ба шарте ки шумо дар имон матин ва устувор бошед ва аз
умеди башорате ки шунидаед, ҷудо нашавед, ки он ба тамоми
махлуқоти зери осмон мавъиза карда шудааст, ва ман, Павлус,
хизматгузори он гардидаам+.

## Вазифаи мубораки ҳаввории дар бобати ба халқҳо мавъиза кардани сирри таъиноти Худо.

24 Алҳол дар уқубатҳои худ барои шумо шодмонам ва камии
андӯҳҳои Масеҳро дар ҷисми худ барои Бадани Ӯ, ки Калисост, пур
мекунам,+
25 Ки ман хизматгузори он гардидаам мувофиқи ваколати Худо,
ки барои шумо ба ман ато шудааст, то ки мавъизаи каломи Худоро ба
ҷо оварам,+
26 Яъне он сирро, ки асрҳои аср аз наслҳо ниҳон буд ва ҳоло ба
муқаддасони Ӯ ошкор шудааст,+

[27] Ки ба онҳо Худо таваҷҷӯҳ намуда огоҳӣ дод, ки сарвати ҷалоли
ин сирро барои халқҳо огоҳӣ диҳам, ва он сир ин аст, ки Масеҳ дар
шумо умеди ҷалол аст,+
[28] Ва Ӯро мо мавъиза намуда, ба ҳар кас мефаҳмонем ва ба ҳар кас
ҳар ҳикматро ёд медиҳем, то ки ҳар касро дар Исои Масеҳ комил
гардонда ҳозир кунем;
[29] Барои ҳамин ҳам ман меҳнат мекунам ва бо таъсири қуввати Ӯ,
ки дар ман қодирона амал мекунад, ҷидду ҷаҳд менамоям+.

## Имондор файзи комилро ба воситаи Писари мучассамшудаи Худо меёбад.

**2** [1] ЗЕРО мехоҳам шумо бидонед, ки ман чӣ гуна заҳмат кашидам
барои шумо ва барои касоне ки дар Лудкия мебошанд, ва барои
ҳамаи онҳое ки қиёфаи маро ба ҳасби ҷисм надидаанд,
[2] То ки дилҳои онҳо тасаллӣ ёфта, дар муҳаббат пайванд шавад,
барои ҳар сарвати фаҳми комил, то сирри Худо ва Падар ва Масеҳро
бидонанд,+
[3] Ки дар Ӯ ҳамаи ганҷҳои ҳикмат ва дониш ниҳон аст+.

## Огоҳонидан аз фалсафаи халкҳо ва таълимоти козибонаи яҳудиён.

[4] Инро ман барои он мегӯям, ки ҳеҷ кас шуморо бо суханони
дилфиреб дар иштибоҳ наандозад;+
[5] Зеро, агарчи ҷисман ғоибам, рӯҳан бо шумо мебошам, ва
саранҷоми хуби шумо ва матонати имони шуморо дар Масеҳ дида,
шодӣ мекунам+.
[6] Пас, чӣ тавре ки Исои Масеҳро ба унвони Худованд қабул
кардаед, ҳамон тавр дар Ӯ рафтор намоед,+
[7] Ки дар Ӯ реша давонда ва бино ёфта, дар имон мустаҳкам
шудаед, чунон ки таълим гирифтаед ва шукри зиёде дар он мегӯед+.
[8] Бохабар бошед, ки касе шуморо бо фалсафа ва фитнаи ботиле ки
бар тибқи ривояти инсонӣ, бар тибқи аносири ҷаҳон, на бар тибқи
Масеҳ аст, ҷазб накунад+.
[9] Зеро ки дар Ӯ тамоми пуррагии Илоҳият ҷисман сокин аст,+
[10] Шумо низ дар Ӯ пуррагӣ доред, ки Ӯ сари ҳар сарварӣ ва
ҳукуматдорист;+
[11] Ва дар Ӯ шумо махтун шудаед, вале на ба хатнае ки бо дасти
одамизод сохта шудааст, балки ба хатнаи Масеҳ, ки ҷисми башариро
канор мегузорад,+
[12] Ки бо Ӯ дар таъмид дафн шудаед ва дар Ӯ эҳьё шудаед ба
василаи имон ба қуввати Худо, ки Ӯро аз мурдагон эҳьё кард,+
[13] Ва шуморо, ки дар гуноҳҳо ва дар номахтунии ҷисми худ мурда
будед, бо Ӯ зинда карда, ҳамаи гуноҳҳотонро омурзид+.

14 Ва он дастнависро, ки бо фароизаш моро маҳкум менамуд ва
бар зидди мо буд, Ӯ хат зада, аз миён бардошт ва бар салиб мехкӯб
кард,+
15 Ва сарварону ҳукуматдоронро аз қувваташон маҳрум сохта,
гирифтори шармандагӣ кард ва бар онҳо дастболо шуд+.
16 Пас, бигзор касе шуморо барои хӯрок ва нӯшокӣ, ё дар масъалаи
ид, ё навмоҳ, ё шанбе маҳкум накунад:+
17 Инҳо сояи чизҳои оянда аст, аммо ҷисм аз они Масеҳ аст+.
18 Касе шуморо ба воситаи хоксорӣ ва ибодати фариштагон аз
подош маҳрум накунад, дар сурате ки вай ба чизҳое ки надидааст,
мудохила менамояд, аз ақли чисмонии худ беҳуда мебoлад.
19 Инҳо робитаи худро аз сари бадан буридаанд, аз саре ки тамоми
бадан ба воситаи буғумҳо ва бандҳо кувввати ҳаётбахш гирифта ва
пайваст гардида, нашъунамо меёбад ба нашъунамое ки аз Худост+.
20 Агар шумо бо Масеҳ нисбат ба аносири ҷаҳон мурда бошед, пас
чаро, мисли онҳое ки дар ҷаҳон зиндагӣ мекунанд, фароизи:+
21 «Нарас», «начаш», «даст наков» — ро пайравӣ менамоед,+
22 Дар сурате ки онҳо пас аз истеъмол фано мешавад, зеро бар
аҳком ва таълимоти инсонӣ бино шудааст+?
23 Ҳамаи ин дар ибодати худсарона, хоксорӣ ва озори ҷисм ба
назар ҳикмат менамояд, лекин дар ҷилавгирӣ кардани ҷисм фоида
надорад.

## Ҳаёти масеҳӣ хизматгузорист ба Исои Худованд.

**3** 1 Пас, модоме ки шумо бо Масеҳ эҳьё шудаед, он чиро, ки дар
афроз аст, биҷӯед, ки он ҷо Масеҳ ба ямини Худо нишастааст;+
2 Дар бораи он чи дар афроз аст, фикр кунед, на дар бораи он чи
бар замин аст.
3 Зеро ки шумо мурдаед, ва ҳаёти шумо бо Масеҳ дар Худо ниҳон
аст:+
4 Вақте ки Масеҳ, ки ҳаёти шумост, зоҳир шавад, шумо низ бо Ӯ
дар ҷалол зоҳир хоҳед шуд+.
5 Пас, андоми заминии худро: зино, нопокӣ, ҳирс, ҳаваси бад ва
тамаъкориро, ки он бутпарастист, бикушед,+
6 Ки барои онҳо ғазаби Худо бар писарони исьён меояд,+
7 Ки шумо низ як вақте дар онҳо рафтор мекардед, ҳангоме ки дар
миёни онҳо мезистед+.
8 Аммо акнун шумо ҳамаи инҳоро: хашм, ғазаб, кина, бадгӯӣ ва
алфози қабеҳи забонатонро тарк намоед;+
9 Ба якдигар дурӯғ нагӯед, дар ҳолате ки одами кӯҳнаро бо аъмоли
вай аз худ дур кардаед+
10 Ва одами навро дар бар кардаед, ки вай дар дониш ба шабоҳати
Офаринандаи худ нав мешавад,+
11 Ки дар он ҷо на юнонӣ ҳаст, на яҳудӣ, на хатна, на номахтунӣ,
на варварӣ, на скиф, на ғулом ва на озод, балки ҳама чиз ва дар ҳама
чиз Масеҳ аст+.
12 Пас, ҳамчун баргузидагони муқаддас ва маҳбуби Худо,
марҳамат, меҳрубонӣ, хоксорӣ, фурӯтанӣ ва пурсабриро дар бар
кунед,+
13 Ва ба ҳамдигар илтифот намуда, якдигарро афв кунед, агар касе
аз дигаре ранҷида бошад: чӣ тавре ки Масеҳ шуморо омурзидааст,
шумо низ ҳамин тавр кунед;+
14 Ба замми ҳамаи ин шумо муҳаббатро дар бар кунед, ки он
маҷмӯи камолот аст;+
15 Бигзор дар дилҳои шумо осоиштагии Худо ҳукмфармо бошад,
ки шумо ба он дар як Бадан даъват шудаед; ва шукргузор бошед+.
16 Бигзор каломи Масеҳ андаруни шумо ба фаровонӣ сокин шавад,
ва якдигарро бо таронаҳои Забур, мадҳияҳо ва сурудҳои рӯҳонӣ

таълим диҳед ва насиҳат кунед, ва бо файз дар дилҳои худ барои
Худованд бисароед+.
17 Ва ҳар он чи бо сухан ё амал мекунед, ҳамаашро ба исми Исои
Масеҳи Худованд ба ҷо оварда, ба василаи Ӯ Худои Падарро шукр
гӯед+.

## Мушоракат дар хонаи имондорон.

18 •Эй занон, ба шавҳарони худ итоат намоед, чунон ки дар
Худованд муносиб аст+.
19 Эй шавҳарон, занони худро дӯст доред ва ба онҳо сахтгир
набошед+.
20 Эй фарзандон, ба падарону модарони худ дар ҳар бобат итоат
намоед, зеро ки ин писандидаи Худованд аст+.
21 Эй падарон, фарзандони худро ба хашм наоваред, ки мабодо
онҳо маъюс шаванд.
22 Эй ғуломон, ба оғоёне ки ба ҳасби ҷисм доред, дар ҳар бобат
итоат намоед, на бо хизматгузории зоҳирӣ, ҳамчун одампарастон,
балки бо соддадилӣ ва бо тарси Худо+.
23 Ҳар он чи мекунед, аз ҷону дил ба ҷо оваред, мисли он ки барои
Худованд бошад, на барои одамон,
24 Чун медонед, ки аз Худованд меросро мукофот хоҳед гирифт,
зеро ки ба Масеҳи Худованд ҳизмат мекунед+.
25 Ҳар кӣ ноинсофона рафтор мекунад, мувофиқи ноинсофии худ
подош ҳоҳад гирифт: Ӯ рӯйбинӣ надорад+.

## Дар бораи дуо, илтимос ва ҳикмати масеҳӣ.

4 [1] Эй оғоён, ба ғуломони худ он чи лозим аст ва он чи ҳақ
доранд, бидиҳед, ва бидонед, ки шумо низ Оғое дар осмон доред.
[2] Доимо бо дуо машғул буда, дар он бо шукргузорӣ бедор бошед;+
[3] Дар ҳаққи мо низ дуо гӯед, то Худо дари каломро ба мо воз
кунад, ки сирри Масеҳро, ки ман барояш бандӣ ҳастам, баён
намоем,+
[4] То ки ман онро ончунон зоҳир созам, чунон ки баён карданам
лозим аст.
[5] Фурсатро ғанимат дониста, бо онҳое ки дар берунанд, оқилона
рафтор кунед+.
[6] Бигзор сухани шумо ҳамеша пурфайз ва намакин бошад, то
шумо бидонед, ки ба ҳар кас чӣ гуна ҷавоб диҳед+.
[7] •Аз тамоми саргузашти ман шуморо Тӯхиқӯс хабардор хоҳад
кард. Ӯ бародари маҳбуб ва хизматгузори амин ва ҳамкори ман дар
Худованд аст+.
[8] Ва ӯро маҳз барои он назди шумо фиристодам, ки аз аҳволи
шумо хабар гирад ва дилҳои шуморо тасаллӣ диҳад,+
[9] Бо якҷоягии бародари амин ва маҳбуб Онисимус, ки аз байни
шумост: онҳо шуморо аз ҳамаи корҳои ин ҷо хабардор хоҳанд кард+.

## Саломҳо.

[10] Ористархус, ки ҳамроҳи ман дар ҳабс аст, ба шумо салом
мерасонад, ва Марқӯс, ҷияни Барнаббо, — ки шумо дар бораи ӯ
фармон гирифтаед: агар наздатон биёяд, ӯро пазирой кунед, —+
[11] Ҳамчунин Ешуа, ки лақабаш Юстус аст; ҳар ду аз махтунонанд,
ва танҳо онҳо ҳамкоронанд барои Малакути Худо, ки сабаби
тасаллои ман шудаанд+.
[12] Эпафрос ба шумо салом мерасонад, ки ӯ аз байни шумо ва
бандаи Исои Масеҳ аст, ва ҳамеша барои шумо дар дуоҳои худ ҷидду
ҷаҳд менамояд, то ки шумо комил буда ва аз ҳар чизи писандидаи
Худо вуқуф дошта, истодагӣ кунед+.
[13] Ва ман дар бораи ӯ шаҳодат медиҳам, ки ӯ барои шумо ва барои
онҳое ки дар Лудкия ва дар Ҳирапӯлис мебошанд, бисьёр меҳнат
мекунад.

14 Луқос, табиби маҳбуб, ва Димос ба шумо салом мерасонанд+.
15 Ба бародароне ки дар Лудкия мебошанд, ба Нумфос ва ба аҳли
калисое ки дар хонаи ӯст, салом бирасонед+.
16 Баъд аз он ки ин нома дар миёни шумо хонда шуд, коре кунед,
ки он дар калисои Лудкия низ ҳонда шавад; ва номаеро, ки аз Лудкия
аст, шумо низ бихонед+.
17 Ба Архипус бигӯед: «Бохабар бош, то он хизматеро, ки дар
Худованд ба зиммаи худ гирифтаӣ, ба ҷо оварӣ»+.
18 Ман, Павлус, бо дасти худ салом мерасонам. Занҷирҳои маро
дар ҳотир дошта бошед. Файз бо шумо бод, омин+.

---

+ 1:1 Аъм. 16:1

+ 1:3 Эфс. 1:15-16

+ 1:5 Мат. 6:20, 1 Пет. 1:4

+ 1:6 Мат. 24:14, Мат. 28:19, Рум. 10:18, Кӯл. 1:6

+ 1:7 Кӯл. 4:12, Филем. 1:23

+ 1:9 2 Тас. 1:11, Фпл. 1:9, Филем. 1:6

+ 1:10 2 Қӯр. 5:9, Эфс. 4:1, Фпл. 1:27, 2 Пет. 3:18, Эфс. 4:15

+ 1:11 Эфс. 3:16

+ 1:13 Иш. 42:7, Аъм. 26:18, Эфс. 6:12, 2 Пет. 1:11

+ 1:14 Эфс. 1:7

+ 1:15 2 Қӯр. 4:4, Ибр. 1:3, Мас. 8:22, Рум. 8:29, Ваҳӣ 3:14

+ 1:16 Заб. 32:6, Юҳ. 1:3, Рум. 11:36, 1 Қӯр. 8:6, Ибр. 1:2, Ибр. 2:10

+ 1:18 Эфс. 1:22-23, Аъм. 26:23, 1 Қӯр. 15:20, Ваҳй 1:4-5, Ваҳй 3:14

+ 1:19 Қӯл. 2:9

+ 1:20 2 Қӯр. 5:18, Эфс. 1:10, Эфс. 2:14

+ 1:21 Эфс. 2:1-2, Эфс. 2:12

+ 1:22 Яҳ. 1:24, Эфс. 1:4, 1 Тас. 4:7

+ 1:23 Аъм. 14:22, Марқ. 16:15, Эфс. 3:7

+ 1:24 2 Қӯр. 7:4, 2 Қӯр. 12:15, 2 Қӯр. 1:5, Фпл. 3:10

+ 1:25 Эфс. 3:2

+ 1:26 Рум. 16:24, Эфс. 3:9

+ 1:27 Эфс. 1:18, Эфс. 3:16, Қӯл. 2:2, Рум. 5:2, Рум. 8:17, 1 Тим. 1:1

+ 1:29 1 Қӯр. 15:10, Фпл. 1:30, 1 Тим. 4:10

+ 2:2 Қӯл. 1:27, Эфс. 6:22, Қӯл. 4:8

+ 2:3 Рум. 11:33, 1 Қӯр. 1:24, 1 Қӯр. 2:7

+ 2:4 Рум. 16:18

+ 2:5 1 Қӯр. 5:3, 1 Қӯр. 14:40

+ 2:6 1 Тас. 4:1

+ 2:7 1 Қӯр. 3:11, Эфс. 2:20, Эфс. 3:17, Ваҳй 21:14, Эфс. 5:20, 2 Тас. 1:3, 2 Тас. 2:13

+ 2:8 Марқ. 7:3, Ғал. 1:14, Ғал. 4:9, Марқ. 13:5, 1 Юҳ. 3:7, Эфс. 5:6, 2 Тас. 2:3

+ 2:9 Юҳ. 1:14, Қӯл. 1:19

+ 2:10 Эфс. 1:21-22, Эфс. 3:19

+ 2:11 Эфс. 2:11, Рум. 2:29, Қӯл. 3:9

+ 2:12 Рум. 6:4

+ 2:13 Эфс. 2:1, Эфс. 2:5, Аъм. 3:19

+ 2:14 Заб. 50:3, Иш. 43:25, Рум. 7:4

+ 2:15 2 Қӯр. 2:14, Юҳ. 12:31, Юҳ. 16:11

+ 2:16 Ад. 28:9-15, Рум. 14:5, Ғал. 4:10, Рум. 14:3, Рум. 14:17, Ибр. 9:10

+ 2:17 Ибр. 8:5, Ибр. 10:1

+ 2:19 2 Пет. 3:18, Эфс. 4:15-16, Қӯл. 1:10

+ 2:20 Рум. 6:2, Қӯл. 3:3, Ғал. 4:9

+ 2:21 1 Тим. 4:3

+ 2:22 Иш. 29:13, Мат. 15:9, Марқ. 7:7

+ 3:1 Қӯл. 2:12, Заб. 109:1, Аъм. 7:55-56, Рум. 8:34, Эфс. 1:20, Мас. 15:24

+ 3:3 Рум. 6:2, Рум. 6:7, Ғал. 5:24, Қӯл. 2:20

+ 3:4 Юҳ. 11:25

+ 3:5 Эфс. 5:5, Рум. 8:13

+ 3:6 Рум. 1:18, Эфс. 5:6

+ 3:7 Эфс. 2:2, Эфс. 4:17

+ 3:8 Яъқ. 1:21, 1 Пет. 1:21, Эфс. 4:22, Эфс. 4:31

+ 3:9 Иб. 19:11, Эфс. 4:25, Қӯл. 2:11

+ 3:10 Ҳас. 1:26, Эфс. 4:24

+ 3:11 Рум. 2:28-29, 1 Қӯр. 7:19, Ғал. 3:28, Ғал. 5:6, 1 Қӯр. 12:13, Ғал. 5:6, Эфс. 2:14, 1 Қӯр. 15:28, Эфс. 1:23

+ 3:12 Луқ. 18:7, Рум. 8:33, Тит. 1:1

+ 3:13 Эфс. 4:2, Мат. 6:14-15, Марқ. 11:25-26, Луқ. 7:41-42, Эфс. 4:32

+ 3:14 1 Қӯр. 13:1, Эфс. 4:3, Эфс. 5:2

+ 3:15 Юҳ. 14:27, Юҳ. 16:33, Фпл. 4:7, Эфс. 2:16

+ 3:16 Юҳ. 15:3, Заб. 26:6, Эфс. 5:19

+ 3:17 1 Қӯр. 10:31

● 3:18 *Эфс. 5:22*

+ 3:18 Ҳас. 3:16, 1 Пет. 3:1

+ 3:19 1 Пет. 3:7

+ 3:20 Хур. 20:12, Мас. 1:8, Мас. 6:20, Мас. 23:22

+ 3:22 1 Пет. 2:18, 1 Тим. 6:1, Тит. 2:9

+ 3:24 Эфс. 6:8

+ 3:25 Так. Шар. 10:17, Мат. 22:16

+ 4:2 Лук. 18:1, Лук. 21:36, Рум. 12:12, Эфс. 6:18, 1 Тас. 5:17

+ 4:3 Аъм. 4:29, Рум. 16:24, Эфс. 6:19-20, Фпл. 1:7, Филем. 1:1

+ 4:5 Эфс. 5:15-16

+ 4:6 1 Пет. 3:15

● 4:7 *Эфс. 6:21-22*

+ 4:7 Аъм. 20:4

+ 4:8 Қӯл. 2:2

+ 4:9 Филем. 1:10, Филем. 1:16

+ 4:10 Аъм. 19:29, Филем. 1:23, Аъм. 12:12, Аъм. 15:37-38

+ 4:11 Аъм. 1:23, Аъм. 18:7

+ 4:12 Қӯл. 1:7, Филем. 1:23

+ 4:14 2 Тим. 4:10-11, Филем. 1:23

+ 4:15 Рум. 16:5

+ 4:16 1 Тас. 5:27

+ 4:17 Филем. 1:2

+ 4:18 1 Қӯр. 16:21, Ғал. 6:11, 2 Тас. 3:17, Филем. 1:19

*НОМАИ ЯКУМИ*

*ҲАВВОРИИ МУҚАДДАС ПАВЛУС*

# БА ТАСЛӮНИКИЁН


1 2 3 4 5

## Ҳавворӣ барои ҳаёти намунавии имони таслӯникиён шукргузорӣ менамояд.

# 1

1 Павлус ва Силвонус ва Тимотиюс ба калисои Таслӯникӣ, ки
дар Худои Падар ва Исои Масеҳи Худованд аст: файз ва осоиштагӣ
аз ҷониби Падари мо Худо ва Исои Масеҳи Худованд бар шумо бод+.
2 Ҳамеша Худоро барои ҳамаи шумо шукргузорӣ намуда, дар
дуоҳои худ шуморо зикр мекунем,+
3 Ва доимо кори имон ва меҳнати муҳаббат ва сабри умеди
шуморо, ки ба Худованди мо Исои Масеҳ доред, ба ҳузури Худо ва
Падари мо ба ёд меоварем,
4 Чун медонем, ки шумо, эй бародарон ва эй маҳбубони Худо,
баргузида шудаед;+
5 Зеро ки башорати мо назди шумо на танҳо дар суҳан, балки низ
дар қувват ва дар Рӯҳулқудс ва дар эътимоди бузурге буд; ва шумо
медонед, ки мо дар миёни шумо барои шумо чӣ гуна будем+.
6 Ва шумо тақлидкунандагони мо ва Худованд гардида, каломро
дар ранҷу заҳмати азим бо шодии Рӯҳулқудс қабул кардед,+
7 Ба тавре ки барои ҳамаи имондорони Мақдуния ва Охоия
намунаи ибрат шудед.
8 Зеро ки аз шумо каломи Худованд на танҳо дар Мақдуния ва
Охоия шунида шуд, балки имоне ки шумо ба Худо доред, дар ҳама ҷо
овоза шуд, ба дараҷае ки моро ҳоҷат нест чизе бигӯем.
9 Зеро вақте ки худи онҳо дар бораи мо ҳикоят мекунанд,
мегӯянд, ки чӣ гуна мо ба миёни шумо доҳил шудем, ва чӣ гуна
шумо аз бутҳо гашта ба Худо руҷӯъ намудед, то ки Худои Ҳай ва
ҳақиқиро бандагӣ кунед+
10 Ва Писари Ӯро аз осмон мунтазир шавед, ки Худо Ӯро аз
мурдагон эҳьё кард, яъне Исоро, ки моро аз ғазаби оянда халосӣ
медиҳад+.

## Ҳаввориёни Масеҳ ҷалолро барои худашон не, балки барои Худо толибанд.

**2** [1] Худи шумо, эй бародарон, медонед, ки омадани мо назди
шумо бе натиҷа набуд;
[2] Мо пеш аз он дар Филиппӣ, чунон ки медонед, азобу уқубат
кашида, гирифтори таҳқир шуда будем, вале дар Худои худ қавӣ
гардидем, то ки дар миёни мухолифатҳои бузурге башорати Худоро
ба шумо мавъиза намоем+.
[3] Зеро ки исрори мо аз рӯи иштибоҳ ё нопокӣ ё макр нест,+
[4] Балки, чӣ тавре ки Худо моро лоиқ донист, ки башорат ба мо
супурда шавад, ҳамон тавр мо сухан меронем ва толиби он нестем,
ки ба одамон писанд оем, балки ба Худое ки дилҳои моро имтиҳон
мекунад+.
[5] Зеро ки мо ҳаргиз, чунон ки медонед, бо тамаллуқ гап назадаем
ва ба чизе тамаъ накардаем — Худо шоҳид аст! —+
[6] Ва ҷалолро аз одамизод толиб нашудаем, на аз шумо ва на аз
дигарон+.
[7] Мо, ҳамчун ҳаввориёни Масеҳ, метавонистем бо иҳтиёру қудрат
рафтор кунем, аммо дар миёни шумо мулоим будем, монанди дояе
ки кӯдакони худро навозиш мекунад.
[8] Мо чунон ба шумо дил бастаем, ки хостем ба шумо на танҳо
башорати Худоро бидиҳем, балки ҷонҳои худро низ дар роҳи шумо
фидо созем, азбаски шумо ба мо азиз будед+.
[9] Зеро ки шумо, эй бародарон, заҳмат ва ранҷи моро дар ҳотир
доред: шабу рӯз кор кардем, бе он ки ба касе аз шумо гаронӣ кунем,
мо башорати Худоро ба шумо мавъиза менамудем+.
[10] Шумо шоҳид ҳастед ва Худо низ, ки чӣ гуна пеши шумо,
имондорон, мо муқаддасона ва одилона ва бенуқсон рафтор кардем;
[11] Ва шумо медонед, ки чӣ гуна ҳар яке аз шуморо, мисли падар
фарзандони худро,+
[12] Насиҳат медодем, дилдорӣ мекардем ва вазифадор менамудем,
ки муносиби Худо, ки шуморо ба Малакут ва ҷалоли Худ даъват
менамояд, рафтор кунед+.
[13] Ба ни сабаб мо низ пайваста Худоро шукргузорӣ мекунем, ки
чун шумо каломи Худоро аз мо шунида қабул кардед, онро на

ҳамчун каломи одамизод қабул кардед, балки ҳамчун каломи Худо,
ки он дар ҳақиқат чунин аст ва он дар шумо, имондорон, амал
мекунад+.
14 Зеро ки шумо, эй бародарон, ба калисоҳои Худо, ки дар Яҳудо
дар Исои Масеҳ мебошанд, тақлид намудед, чунки шумо аз дасти
ҳамватанони худ ҳамон уқубатро дидаед, ки онҳо низ аз дасти
яҳудиён дидаанд,+
15 Ки Исои Худованд ва анбиёро куштанд, ва моро гирифтори
таъқибот карданд, ва дар назари Худо писанд намеоянд, ва ба ҳамаи
одамон муқобиланд,+
16 Ва ба мо монеъ мешаванд ба халқҳо бигӯем, ки наҷот ёбанд, ва
ба ин васила ҳамеша зарфи гуноҳҳои худро лабрез мекунанд; аммо,
ниҳоят, ба ғазаб гирифтор шуданд+.

## Пазмонии Павлус ба таслӯникиён.

17 Лекин мо, эй бародарон, баъд аз он ки ба муддати кӯтоҳе
ҷисман, на қалбан, аз шумо ҷудо шудем, бо иштиёқи зиёдтар саъю
кӯшиш намудем, ки рӯи шуморо бубинем,+
18 Ва ба ин сабаб мо, — яъне ман, Павлус, — як-ду маротиба хостем
назди шумо биёем, вале шайтон ба мо монеъ шуд+.
19 Зеро кист умеди мо, ё шодмонии мо, ё тоҷи фахри мо дар
ҳузури Худованди мо Исои Масеҳ дар вақти омадани Ӯ — оё шумо
нестед+?
20 Оре, шумо ҷалол ва шодмонии мо ҳастед.

## Фиристодани Тимотиюс.

3 1 Бинобар ин мо дигар сабр карда натавонистем ва розӣ шудем
дар Атино танҳо монем,+
2 Ва Тимотиюсро, ки бародари мо ва ҳизматгузори Худо ва
ҳамкори мо дар башорати Масеҳ аст, фиристодем, то ки шуморо дар
имонатон устувор гардонад ва тасаллӣ диҳад,+
3 То ки ҳеҷ кас дар ин азобу уқубатҳо дудила нашавад, зеро худи
шумо медонед, ки чунин аст насиби мо+.
4 Зеро ки мо ҳамон вақт ҳам, ки назди шумо будем, ба шумо
пешгӯӣ кардем, ки моро азобу уқубат дар пеш аст, чунон ки низ ба
вуқӯъ омад, ва шумо медонед.
5 Аз ин рӯ ман ҳам дигар сабр карда натавонистам ва ӯро
фиристодам, ки имони шуморо бифаҳмам, ки мабодо озмоянда
шуморо озмуда бошад ва меҳнати мо бенатиҷа шуда бошад+.

## Шодмонии ҳаввории дар бобати хабарҳои хуш ва дуои ӯ барои таслӯникиён.

6 Аммо акнун, ки Тимотиюс аз пеши шумо назди мо омад ва
муждаи имон ва муҳаббати шуморо ба мо расонд, ва ин ки шумо
ҳамеша моро ба некӣ ёд мекунед ва муштоқи дидори мо ҳастед,
чунон ки мо низ муштоқи дидори шумо ҳастем, —+
7 Пас мо, эй бародарон, бо вуҷуди тамоми андӯҳ ва азобу уқубати
худ, аз имони шумо тасаллӣ ёфтем,
8 Чунки акнун мо зинда ҳастем, модоме ки шумо дар Худованд
қоим мебошед.
9 Зеро чӣ гуна мо метавонем ба Худо барои шумо шукргузорӣ
кунем, барои тамоми шодмоние ки дар бораи шумо ба ҳузури Худои
мо дорем,
10 Ки шабу рӯз бо тамоми ҷидду ҷаҳд дуо мегӯем, ки бо шумо рӯ ба
рӯ шавем ва камии имони шуморо пур кунем+?
11 Худи Худо ва Падари мо ва Худованди мо Исои Масеҳ роҳи моро
сӯи шумо рост оварад+.
12 Ва Худованд муҳаббати шуморо ба якдигар ва ба ҳар кас афзун
ва фаровон гардонад, чунон ки мо низ ба шумо муҳаббат дорем,+

13 Ва дилҳои шуморо устувор гардонад, то ки дар вақти омадани Худованди мо Исои Масеҳ бо ҳамаи муқаддасони Ӯ дар қудсият ба ҳузури Худо ва Падари мо беайб бошед. Омин+.

## Даъват ба қудсият.

4 1 Ва боз, эй бародарон, аз шумо дар Исои Масеҳ хоҳиш ва
илтимос мекунем, ки чӣ тарзе ки аз мо пазируфтаед, ки чӣ гуна
бояд рафтор кунед ва дар назари Худо писанд оед, ба ҳамон тарз боз
ҳам зиёдтар муваффақият ба даст оваред;+
2 Зеро медонед, ки чӣ гуна аҳкоме аз ҷониби Исои Худованд ба
шумо додаем.
3 Зеро иродаи Худост, ки шумо пок бошед ва аз зино парҳез
кунед;+
4 Ва ҳар яке аз шумо битавонад бадани худро дар покӣ ва шараф
нигоҳ дорад,
5 На дар оташи шаҳват, монанди халқҳое ки Худоро
намешиносанд;+
6 Ва касе дар ҳеҷ бобат ба бародари худ таҷовуз ё суиистифода
накунад, чунки Худованд барои ҳамаи ин корҳо интиқом мегирад,
чунон ки пештар низ ба шумо гуфтем ва шаҳодат додем.
7 Зеро ки Худо моро на ба нопокӣ, балки ба кудсият даъват
кардааст+.
8 Бинобар ин, ҳар кӣ саркашӣ мекунад, на ба одамизод, балки ба
Худо саркашӣ мекунад, ки Ӯ Рӯҳулқудси Худро ба мо ато намудааст.
9 Аммо дар хусуси бародардӯстӣ ба шумо навиштан ҳоҷат
надорад, зеро ки худи шумо аз Худо омӯхтаед, ки ба якдигар
муҳаббат дошта бошед;+
10 Ва шумо бо ҳамаи бародарон дар ҳамаи Мақдуния ҳамин тавр
рафтор мекунед. Лекин мо, эй бародарон, шуморо даъват мекунем,
ки боз ҳам зиёдтар муваффақият ба даст оваред
11 Ва саъю кӯшиш намоед, ки сокитона зиндагӣ кунед ва кори
худро бо амали дастҳои худ ба ҷо оваред, чунон ки ба шумо дастур
додаем,+
12 То назди онҳое ки дар берунанд, боодобона рафтор кунед ва ба
ҳеҷ чиз мӯҳтоҷ набошед+.

## Тасалло дар хусуси қисмати имондороне ки то омадани дуюми Худованд мемиранд.

13 Лекин мо, эй бародарон, намехоҳем, ки шумо дар бораи
мурдагон бехабар бошед, ки мабодо мисли дигарон, ки умед
надоранд, андӯҳгин шавед+.
14 Зеро, агар мо имон дорем, ки Исо мурд ва эҳьё шуд, ба ҳамин
тарз низ Худо онҳоеро, ки дар Исо мурдаанд, бо Ӯ хоҳад овард+.
15 Зеро инро ба шумо бо каломи Худованд мегӯем, ки мо, зиндаҳо,
ки то омадани Худованд боқӣ мондаем, аз мурдагон пешдастӣ
нахоҳем кард,+
16 Чунки Худи Худованд бо бонги даъват, бо садои фариштаи
муқарраб ва карнаи Худо, аз осмон нузул хоҳад кард, ва онҳое ки дар
Масеҳ мурдаанд, аввал эҳьё хоҳанд шуд;+
17 Баъд мо, зиндаҳо, ки боқӣ мондаем, бо якҷоягии онҳо бар абрҳо
бурда хоҳем шуд, то ки Худовандро дар ҳаво пешвоз гирем, ва ҳамин
тавр ҳамеша бо Худованд хоҳем буд+.
18 Пас ҳамдигарро бо ин суханон тасаллӣ диҳед.

## Имондорон бояд дар интизори рӯзи Худованд бедор бошанд.

5 [1] Аммо дар бораи замонҳо ва мӯҳлатҳо ба шумо, эй бародарон,
навиштан ҳоҷат надорад,+
[2] Зеро худи шумо хуб медонед, ки рӯзи Худовандончунон меояд,
чунон ки дузд дар шаб+.
[3] Чун бигӯянд: «Осоиштагӣ ва амният», — он гоҳ ногаҳон ба
ҳалокат дучор хоҳанд шуд, мисли он ки зани ҳомиладор ба дарди
зоиш дучор мешавад, ва ба ҳеҷ ваҷҳ халос нахоҳанд шуд+.
[4] Лекин шумо, эй бародарон, дар зулмот нестед, ки он рӯз бар
шумо чун дузд ояд;+
[5] Зеро ки ҳамаи шумо писарони нур ва писарони рӯз ҳастед. Мо на
писарони шаб ҳастем ва на писарони зулмот+.
[6] Пас, набояд мисли дигарон дар хоб бошем, балки бедор ва
ҳушьёр бошем+.
[7] Зеро ки хобидагон шабона мехобанд, ва мастон шабона маст
мешаванд;
[8] Вале мо, ки писарони рӯз ҳастем, бояд ҳушьёр бошем ва зиреҳи
имон ва муҳаббат ва хӯди умеди наҷотро дар бар кунем,+
[9] Чунки Худо моро на барои ғазаб таъин кардааст, балки барои
ёфтани наҷот ба василаи Худованди мо Исои Масеҳ,+
[10] Ки барои мо мурд, то ки мо, хоҳ бедор бошем, хоҳ хобида, бо
якҷоягии Ӯ зист кунем+.
[11] Бинобар ин ҳамдигарро тасаллӣ диҳед ва якдигарро обод кунед,
чунон ки низ мекунед.

## Насиҳат. Саломҳо.

[12] Аммо аз шумо, эй бародарон, илтимос мекунем, ки он касонро
қадрдонӣ намоед, ки дар миёни шумо меҳнат мекунанд, ва
сарварони шумо дар Худованд буда, шуморо насиҳат медиҳанд,+
[13] Ва онҳоро барои фаъолияташон бо камоли муҳаббат иззат
кунед; бо якдигар дар сулҳ зист кунед+.
[14] Инчунин аз шумо, эй бародарон, хоҳишмандем, ки танбалонро
насиҳат кунед, беҷуръатонро тасаллӣ диҳед, сустонро дастгирӣ
намоед, бо ҳар кас пурсабр бошед+.

15 Бохабар бошед, ки касе ба касе дар ивази бадӣ, бадӣ накунад,
балки ҳамеша барои якдигар ва барои ҳама дар паи некӣ бошед+.
16 Ҳамеша шод бошед+.
17 Пайваста дуо гӯед+.
18 Барои ҳама чиз шукр гӯед, зеро ки чунин аст иродаи Худо дар
ҳаққи шумо дар Исои Масеҳ+.
19 Рӯҳро хомӯш накунед+.
20 Нубувватҳоро хор нашуморед.
21 Ҳама чизро озмоиш кунед, чизи ҳубро нигоҳ доред+.
22 Аз ҳар гуна бадӣ худдорӣ кунед.
23 Худи Худои осоиштагӣ бигзор шуморо ба куллӣ пок гардонад ва
рӯҳу ҷону ҷисми шуморо дар вақти омадани Худованди мо Исои
Масеҳ комилан беайб нигоҳ дорад+.
24 Даъваткунандаи шумо амин аст, ва инро низ ба амал меоварад+.
25 Эй бародарон, барои мо дуо гӯед+.
26 Ба ҳамаи бародарон бо бӯсаи муқаддас салом расонед+.
27 Шуморо ба исми Худованд вазифадор менамоям, ки ин номаро
ба ҳамаи бародарони муқаддас бихонед+.
28 Файзи Худованди мо Исои Масеҳ бо шумо бод. Омин.

---

+ 1:1 Аъм. 15:22, 1 Пет. 5:12, 2 Тас. 1:1, Аъм. 17:1, Фпл. 4:16

+ 1:2 Эфс. 5:20, 2 Тас. 1:3, 2 Тас. 2:13

+ 1:4 2 Пет. 1:10

+ 1:5 Аъм. 20:18

+ 1:6 1 Қӯр. 4:16, 1 Қӯр. 11:1, 2 Тас. 3:7, Аъм. 17:5-10, Аъм. 13:52

+ 1:9 Аъм. 14:15

+ 1:10 1 Қӯр. 1:7, 2 Тас. 1:10, Мат. 3:7, Рум. 5:9, 1 Тас. 2:16, 1 Тас. 5:9

+ 2:2 Аъм. 16:22-24

+ 2:3 2 Қӯр. 4:2

+ 2:4 Ғал. 2:7, Ғал. 1:10, Эфс. 5:10

+ 2:5 Рум. 1:9, Рум. 9:1, Фпл. 1:8

+ 2:6 1 Қӯр. 9:4-5, 2 Тас. 3:9, Филем. 1:8

+ 2:8 2 Қӯр. 12:15

+ 2:9 Аъм. 18:3, 2 Қӯр. 11:27, 2 Тас. 3:8

+ 2:11 1 Қӯр. 4:14-15

+ 2:12 2 Тас. 2:14

+ 2:13 Ғал. 4:14

+ 2:14 1 Тас. 1:6, Аъм. 17:5, 2 Тас. 1:4-5

+ 2:15 Ирм. 2:30, Мат. 23:34, Юҳ. 15:20, Аъм. 13:50, Аъм. 17:5

+ 2:16 Аъм. 13:45, Аъм. 14:2, Мат. 27:25, Луқ. 21:23, 1 Тас. 1:10

+ 2:17 1 Қӯр. 5:3, Қӯл. 2:5

+ 2:18 Рум. 1:13, Рум. 15:22

+ 2:19 1 Қӯр. 15:31, 2 Тас. 1:4

+ 3:1 Аъм. 17:15-16

+ 3:2 Аъм. 16:1, Фпл. 2:19

+ 3:3 Аъм. 9:16, Аъм. 14:22, 1 Пет. 5:9

+ 3:5 1 Вақ. 21:1, Мат. 4:3, 1 Қӯр. 7:5, Ғал. 4:11

+ 3:6 Аъм. 18:5

+ 3:10 2 Тим. 1:3

+ 3:11 2 Тас. 3:5

+ 3:12 Фпл. 1:9-10, 2 Тас. 1:3

+ 3:13 Зак. 14:5, Яҳ. 1:14, 2 Тас. 2:17

+ 4:1 Қӯл. 1:10, Қӯл. 2:6

+ 4:3 1 Қӯр. 6:18, Ғал. 5:19, Эфс. 5:3

+ 4:5 1 Пет. 4:3-4, Рум. 1:26, Эфс. 4:17-19

+ 4:7 1 Пет. 1:15, Яҳ. 1:24, Эфс. 1:4, Қӯл. 1:22

+ 4:9 Ибр. 13:1, Юҳ. 6:45

+ 4:11 Мас. 17:14, Аъм. 18:3, Эфс. 4:28, 2 Тас. 3:8, 2 Тас. 3:10

+ 4:12 Рум. 13:13

+ 4:13 Эфс. 2:12

+ 4:14 1 Қӯр. 15:20, 2 Қӯр. 4:14

+ 4:15 1 Қӯр. 15:51-52

+ 4:16 Дон. 10:13, Дон. 12:1, Яҳ. 1:9, Ваҳй 12:7, Иш. 27:12, Мат. 24:31, 1 Қӯр. 15:52, Мат. 16:27, 1 Қӯр. 15:23

+ 4:17 Аъм. 1:9, Ваҳй 11:12, Юҳ. 14:3

+ 5:1 Аъм. 1:7

+ 5:2 Мат. 24:43, 2 Пет. 3:10

+ 5:3 Иш. 13:8, Луқ. 21:34, Фпл. 3:19

+ 5:4 1 Юҳ. 2:8

+ 5:5 Луқ. 16:8, Юҳ. 12:36, Рум. 13:12

+ 5:6 Марқ. 13:33-36, 1 Пет. 1:13, Эфс. 6:18

+ 5:8 Иш. 59:17, Эфс. 6:14, Эфс. 6:17

+ 5:9 1 Тас. 1:10

+ 5:10 Рум. 14:9

+ 5:12 1 Қӯр. 16:16, 1 Қӯр. 16:18, Фпл. 2:29, 1 Тим. 5:17

+ 5:13 Марқ. 9:50, Рум. 12:18, 2 Қӯр. 13:11

+ 5:14 2 Тас. 3:6-10, Иш. 35:4, Ғал. 6:1

+ 5:15 Иб. 19:18, 1 Пет. 3:9, Рум. 12:17

+ 5:16 Фпл. 4:4

+ 5:17 Луқ. 18:1, Луқ. 21:36, Рум. 12:12, Эфс. 6:18, Қӯл. 4:2

+ 5:18 Рум. 12:2, Эфс. 5:17, Эфс. 5:20

+ 5:19 Эфс. 4:30

+ 5:21 1 Юҳ. 4:1, 1 Қӯр. 14:29

+ 5:23 Рум. 15:33, Фпл. 4:9, 2 Тас. 3:16

+ 5:24 1 Қӯр. 1:9, 2 Тас. 3:3, Ибр. 10:23

+ 5:25 Эфс. 6:19, 2 Тас. 3:1, Ибр. 13:18

+ 5:26 1 Пет. 5:14, Рум. 16:16

+ 5:27 Қӯл. 4:16

*НОМАИ ДУЮМИ*

*ҲАВВОРИИ МУҚАДДАС ПАВЛУС*

# БА ТАСЛӮНИКИЁН

1 2 3

## Саломи ҳаввории ба имондорон.

1

1 Павлус ва Силвонус ва Тимотиюс ба калисои Таслӯникӣ, ки дар Падари мо Худо ва Исои Масеҳи Худованд аст:+

2 Файз ва осоиштагӣ аз ҷониби Падари мо Худо ва Исои Масеҳи Худованд бар шумо бод.

## Шукргузорӣ барои устувории имони таслӯникиён.

## Дар бораи омадани дуюми Масеҳ.

3 Ҳамеша мо бояд Худоро барои шумо, эй бародарон, чунон ки сазовор аст, шукргузорӣ намоем, чунки имони шумо афзоиш меёбад ва дар миёни ҳамаи шумо муҳаббати ҳар яке ба ҳамдигар зиёд мешавад,+

4 Ба тавре ки худи мо дар калисоҳои Худо аз шумо фахр мекунем, дар хусуси сабр ва имони шумо дар ҳамаи таъқибот ва азобҳое ки аз сар мегузаронед+.

5 Ин гувоҳиест бар доварии одилонаи Худо, то ки шумо сазовори Малакути Худо ҳисоб ёбед, ки барои он низ уқубат мекашед+.

6 Зеро ба назари Худо одилона аст, ки уқубатдиҳандагони шуморо уқубат диҳад,+

7 Ва шуморо, ки уқубат мекашед, бо якҷоягии мо фароғат бахшад, ҳангоме ки Исои Худованд аз осмон бо фариштаҳои қуввати Худ+

8 Дар оташи фурӯзон зуҳур намуда, аз онҳое ки Худоро намешиносанд ва ба башорати Худованди мо Исои Масеҳ итоат намекунанд, интиқом гирад+.

9 Онҳо гирифтори ҷазои ҳалокати абадӣ гардида, аз ҳузури Худованд ва ҷалоли қудрати Ӯ маҳрум хоҳанд шуд+

10 Дар он рӯзе ки Ӯ омада, дар муқаддасони Худ ҷалол ёбад ва ҳамаи имондоронро ба тааҷҷуб оварад, чунки шумо ба шаҳодати мо имон овардед+.

11 Барои ҳамин ҳам мо ҳамеша барои шумо дуо мегӯем, то ки Худои мо шуморо сазовори даъваташ гардонад ва ҳар салохдиди некӣ ва кори имонро бо қуввати Худ ба амал оварад,+

12 То ки исми Худованди мо Исои Масеҳ дар шумо ҷалол ёбад, ва шумо дар Ӯ ҷалол ёбед, ба ҳасби файзи Худои мо ва Исои Масеҳи Худованд.

## Зоҳир шудани муртади оличоҳ пеш аз омадани дуюми Масеҳ.

**2** [1] Валекин аз шумо, эй бародарон, илтимос мекунем, ки дар
хусуси омадани Худованди мо Исои Масеҳ ва пайвастани мо бо Ӯ+
[2] Нагузоред, ки фикри шумо зуд ба шубҳа афтад, ва ҳаросон
нашавед на аз нубуввати рӯҳ, на аз калом ва на аз номае ки гӯё мо
фиристода бошем дар бораи он ки рӯзи Масеҳ фаро расидааст.
[3] Ҳеҷ кас ба ҳеҷ ваҷҳ набояд шуморо фирефта кунад, зеро аввал
бояд исьён ба вуқӯъ биёяд ва шахси пур аз шарорат, яъне писари
ҳалокат, зоҳир шавад+.
[4] Вай ба ҳар чизе ки Худо ё маъбуд ном дорад, муқобилият нишон
медиҳад ва худро аз он баланд мегирад, ба тавре ки дар маъбади
Худо нишаста, худро Худо эълон мекунад+.
[5] Оё дар хотир надоред, ки вақте ки назди шумо будам, инро ба
шумо мегуфтам?
[6] Ва алҳол шумо медонед он чист, ки ба вай монеъ мешавад, то дар
вақти муайян зоҳир гардад.
[7] Зеро ки сирри шарорат акнун амал мекунад, вале ҳоло маҳфиёна
аст, то даме ки он чи монеъ мешавад, аз миён бардошта шавад, —+
[8] Он гоҳ шарир зоҳир мегардад, ҳамон ки Исои Худованд варо бо
нафаси даҳонаш мекушад ва бо зуҳури омадани Худ несту нобуд
мекунад+.
[9] Омадани ин шарир бо ҳар гуна кувват ва аломот ва мӯъҷизоти
сохта аз рӯи амали шайтон аст,+
[10] Ва бо ҳар навъ талбиси ноҳаққӣ дар вуҷуди нобудшавандагон
барои он ки онҳо муҳаббати ростиро қабул накарданд, то ки наҷот
ёбанд+.
[11] Ва ба ин сабаб Худо ба онҳо неруи гумроҳкунандаро
мефиристад, то ки ба дурӯғ имон оваранд,+
[12] То ҳамаи онҳое ки ба ростӣ имон наоварданд, балки ноҳаққиро
дӯст доштанд, маҳкум гарданд.

## Худованд тасаллои имондорон аст.

[13] Валекин мо бояд ҳамеша Худоро барои шумо, эй бародарони
маҳбуби Худованд, шукргузорӣ намоем, ки Худо аз ибтидо, ба

василаи тақдиси Рӯҳ ва имон ба ростӣ, шуморо барои наҷот
баргузидааст+.
[14] Ва барои он шуморо ба воситаи башорати мо даъват намудааст,
то ки ба ҷалоли Худованди мо Исои Масеҳ ноил шавед+.
[15] Пас, эй бародарон, истодагӣ кунед ва ривоятҳоеро, ки ё аз
калом, ё аз номаи мо таълим гирифтаед, нигоҳ доред+.
[16] Валекин Худи Худованди мо Исои Масеҳ ва Худо, Падари мо, ки
моро дӯст доштааст ва тасаллии абадӣ ва умеди некро бо файз ато
намудааст,+
[17] Бигзор дилҳои шуморо тасаллӣ диҳад ва шуморо дар ҳар сухан
ва амали нек устувор гардонад+.

## Имондорон бояд барои башорати Каломи Худо дуо гӯянд.

3 [1] Ба ҳар ҳол, эй бародарон, дар ҳаққи мо дуо гӯед, то ки каломи
Худованд паҳн шавад ва ҷалол ёбад, чунон ки дар миёни шумо
шудааст,+
[2] Ва барои он ки мо аз одамони гумроҳ ва шарир халос шавем;
зеро ки на ҳар кас имон дорад+.
[3] Лекин Худованд амин аст, ки шуморо устувор гардонад ва аз он
шарир нигоҳ дорад+.
[4] Ва мо ба шумо дар Худованд эътимод дорем, ки он чи ба шумо
амр фармоем, ба ҷо меоваред ва ба ҷо хоҳед овард.
[5] Ва Худованд бигзор дилҳои шуморо ба муҳаббати Худо ва ба
сабри Масеҳ ҳидоят намояд+.

## Калисо бояд ба танбалӣ ва касони бекорагард муқобил баромада, тартибро таълим диҳад.

[6] Валекин ба шумо, эй бародарон, ба исми Худованди мо Исои
Масеҳ дастур медиҳем, ки аз ҳар бародаре ки бекорагардӣ мекунад
ва на мувофиқи ривояте ки аз мо қабул кардаед, дур шавед,+
[7] Зеро худи шумо медонед, ки чӣ гуна бояд ба мо тақлид намоед;
зеро ки мо дар миёни шумо бекорагард набудем:+
[8] Нони касеро муфт нахӯрдем, балки шабу рӯз ба меҳнат ва кор
машғул шудем, то ки ба касе аз шумо гаронӣ накунем, —+
[9] На аз он сабаб ки ҳақ надоштем, балки барои он ки ҳудамонро ба
шумо намунаи ибрат гардонем, то ки ба мо тақлид намоед+.
[10] Зеро, вақте ки назди шумо будем, ба шумо чунин дастур додем:
агар касе нахоҳад кор кунад, бигзор хӯрок ҳам нахӯрад+.
[11] Зеро шунидем, ки баъзе касон дар миёни шумо бекорагардӣ
мекунанд, яъне ҳеҷ коре накарда, давуғеҷи барзиёд мекунанд;+
[12] Ба чунин шахсон дар Худованди мо Исои Масеҳ амр мефармоем
ва насиҳат медиҳем, ки сокитона кор карда, нони худро бихӯранд.
[13] Валекин шумо, эй бародарон, аз некӯкорӣ монда нашавед+.
[14] Ва агар касе ба суханоне ки мо дар ин нома навиштаем, гӯш
надиҳад, — ӯро дар хотири худ гирифта монед ва бо ӯ муошират
накунед, то ки хиҷил шавад;

15 Аммо ӯро душман ҳисоб накунед, балки ҳамчун бародар
насиҳат диҳед+.

## Салом бо дасти худ ба ҳамаи имондорон.

16 Валекин Худи Худованди осоиштагӣ бигзор ҳамеша дар ҳама
чиз осоиштагӣ ба шумо ато намояд. Худованд бо ҳамаи шумо бод!+
17 Ман, Павлус, бо дасти худ салом мерасонам, ки ин аломате дар
ҳар нома аст; ман чунин менависам:+
18 Файзи Худованди мо Исои Масеҳ бо ҳамаи шумо бод. Омин.

---

+ 1:1 Аъм. 15:22, 1 Пет. 5:12, 1 Тас. 1:1, Аъм. 16:1

+ 1:3 Эфс. 5:20, 1 Тас. 1:2, 2 Тас. 2:13

+ 1:4 1 Тас. 2:19

+ 1:5 Луқ. 20:35

+ 1:6 Ваҳй 6:10

+ 1:7 Яҳ. 1:14

+ 1:8 Иш. 66:15-16, 2 Пет. 3:7, Дов. 2:10, Айюб 18:21, Ирм. 9:3

+ 1:9 Иш. 2:10

+ 1:10 1 Қӯр. 3:13, 1 Тас. 1:10

+ 1:11 Қӯл. 1:9

+ 2:1 Мат. 24:31, 1 Тас. 4:15-17

+ 2:3 Марқ. 13:5, Қӯл. 2:8, 1 Юҳ. 3:7, Эфс. 5:6, Дон. 7:24-25, Дон. 8:25, Ваҳй 13:4-5

+ 2:4 Иш. 14:14, Ҳиз. 28:2, Дон. 11:36

+ 2:7 1 Юҳ. 2:18, 1 Юҳ. 4:3

+ 2:8 Айюб 4:9, Иш. 11:4, Ваҳй 2:16

+ 2:9 Мат. 24:24, Марқ. 13:22, Ваҳй 13:14

+ 2:10 1 Қӯр. 1:18

+ 2:11 3 Подш. 22:22, Ҳиз. 14:9

+ 2:13 Эфс. 5:20, 2 Тас. 1:3, Ирм. 2:3, Яъқ. 1:18, Ваҳй 14:4

+ 2:14 1 Тас. 2:12

+ 2:15 1 Қӯр. 16:13

+ 2:16 1 Пет. 1:3

+ 2:17 1 Тас. 3:13

+ 3:1 1 Тас. 5:25

+ 3:2 Рум. 15:31, 2 Қӯр. 1:10-11

+ 3:3 1 Қӯр. 1:9, 1 Тас. 5:24, Ибр. 10:23, Мат. 16:13, Юҳ. 17:12

+ 3:5 1 Тас. 3:11

+ 3:6 Мас. 6:6

+ 3:7 1 Қӯр. 4:16, 1 Қӯр. 11:1, 1 Тас. 1:6

+ 3:8 Аъм. 18:3, 1 Тас. 2:9-10

+ 3:9 1 Қӯр. 9:4-5, 1 Тас. 2:6, Филем. 1:8, 1 Пет. 5:3, Фпл. 3:17, 1 Тим. 4:12, Тит. 2:7

+ 3:10 Эфс. 4:28, 1 Тас. 4:11, 1 Тас. 5:14

+ 3:11 1 Тим. 5:13

+ 3:13 Ғал. 6:9

+ 3:15 Мат. 18:15

+ 3:16 Рум. 15:33, Фпл. 4:9, 1 Тас. 5:23

+ 3:17 1 Қӯр. 16:21, Ғал. 6:11, Қӯл. 4:18, Филем. 1:19

*НОМАИ ЯКУМИ*

*ҲАВВОРИИ МУҚАДДАС ПАВЛУС*

# БА ТИМОТИЮС


1 2 3 4 5 6

## Файз, марҳамат ва осоиштагӣ аз ҷониби Худо.

1 [1] Павлус, ҳаввории Исои Масеҳ бо амри Худое ки
Наҷотдиҳандаи мост, ва Исои Масеҳи Худованд, ки умеди мост,+
[2] Ба Тимотиюс, ки фарзанди ҳақиқӣ дар имон аст: файз, марҳамат
ва осоиштагӣ аз ҷониби Падари мо Худо ва Худованди мо Исои Масеҳ
бод+.

## Насиҳат дар бораи муқобилат кардан ба воизони козиби шариат.

[3] Вақте ки ба Мақдуния равона шудам, аз ту хоҳиш кардам, ки дар
Эфсӯс бимонӣ, то баъзе касонро насиҳат диҳӣ, ки таълимоти
дигарро паҳн накунанд
[4] Ва бо қиссаҳо ва насабномаҳои бепоён машғул нашаванд, ки ин
чизҳо на ба ободии хонаи Худо, ки дар имон аст, балки бештар ба
мубоҳисот оварда мерасонад+.
[5] Мақсади ин насиҳат муҳаббат аст, ки аз дили соф ва виҷдони нек
ва имони бериё падид меояд,+
[6] Ки баъзе касон аз он баргашта, ба ёвагӯӣ моил шудаанд,+
[7] Дар ҳолате ки мехоҳанд муаллимони шариат бошанд, аммо
намефаҳманд на он чиро, ки мегӯянд, на он чиро, ки даъво
мекунанд.
[8] Лекин мо медонем, ки шариат нек аст, кас агар онро ба таври
шаръӣ ба кор барад,+
[9] Ва инро бидонад, ки шариат на барои одил дар миён гузошта
шудааст, балки барои шарирон ва беитоатон, осиён ва гуноҳкорон,
фосиқон ва палидон, барои таҳқиркунандагони падар ва модар,
барои одамкушон,+
[10] Барои зинокорон, ливотагарон, одамдуздон, дурӯғгӯён,
савгандшиканон ва барои ҳар амале ки бар хилофи таълимоти солим
аст,
[11] Ба ҳасби башорати пурҷалоли Худои таборак, ки ба ман супурда
шудааст+.

## Сазовори марҳамат шудани ҳавворӣ мисоли тасаллибахш аст

## барои виҷдони ғамгин.

12 Исои Масеҳи Худованди моро шукргузорӣ мекунам, ки Ӯ ба ман
қувват бахшид ва маро амин дониста, ба хизматгузорӣ таъин намуд,
—+
13 Маро, ки пештар куфргӯ ва таъқибкунанда ва озордеҳ будам,
лекин сазовори марҳамат гардидам, чунки аз рӯи нодонӣ, дар
беимонӣ амал мекардам;+
14 Аммо файзи Худованди мо бо имон ва муҳаббате ки дар Исои
Масеҳ аст, дар ман ниҳоятдараҷа зоҳир шуд+.
15 Ин сухан дуруст аст ва сазовори қабули куллӣ, ки Исои Масеҳ ба
дунъё омад, то гуноҳкоронро наҷот диҳад, ва ман бадтарини онҳо
ҳастам+.
16 Лекин ман барои он сазовори марҳамат шудам, ки Исои Масеҳ
тамоми пурсабриро аввал дар ман нишон диҳад, то ба онҳое ки
барои ҳаёти ҷовидонӣ ба Ӯ имон хоҳанд овард, намунаи ибрат
бошам.
17 Ба Подшоҳи ҷовид, ба Худои ғайрифонӣ, нонамоён ва якто то
абад шавкат ва ҷалол бод. Омин.
18 Туро, эй фарзандам Тимотиюс, мувофиқи нубувватҳое ки
пештар дар ҳаққи ту шуд, чунин насиҳат медиҳам, ки ту мутобиқи
онҳо амал намуда, ҳамчун сарбози нек ҷанг кунӣ,+
19 Ва имон ва виҷдони нек дошта бошӣ, ки баъзе касон онро рад
карданд, ва киштии имонашон ғарқ шуд;
20 Аз он ҷумла Хумниюс ва Искандар, ки онҳоро ба шайтон
супурдам, то таълим диҳам, ки куфр нагӯянд+.

## Дастурҳо барои ҷамъомадҳои ибодати Худо.

## 1. Дуо барои ҳамаи одамон.

**2** [1] Пас, дар навбати аввал хоҳишмандам, ки дуоҳо, илтимосҳо, тазаррӯъҳо ва шукронаҳо ба ҷо оварем барои ҳамаи одамон,

[2] Барои подшоҳон ва барои ҳамаи ҳукуматдорон, то ки ором ва сокит, бо камоли парҳезгорӣ ва покӣ умр гузаронем;+

[3] Зеро ин дар назари Худо, ки Наҷотдиҳандаи мост, хуб ва писандида аст,+

[4] Ки Ӯ мехоҳад, ки ҳамаи одамон наҷот ёбанд ва ба дониши ростӣ бирасанд+.

[5] Зеро ки Худо ягона аст, ва воситачии байни Худо ва одамон низ ягона аст, ки Исои Масеҳи одамизод аст,+

[6] Ки Худро ҳамчун фидияе барои ҳама дод: ин шаҳодатест, ки дар замони муайян дода шудааст,+

[7] Ва барои ин ман воиз ва ҳаворӣ ва муаллими халқҳо дар имон ва ростӣ таъин шудаам, — дар Масеҳ рост мегӯям, дурӯғ не+.

## 2. Рафтори мардон ва занон.

[8] Пас хоҳиш дорам, ки мардон дастҳои муқаддасро бе ғазаб ва шубҳа боло бардошта, дар ҳар ҷо дуо гӯянд;

[9] Ва занон низ дар сару либоси шоиста маҳҷубона ва боисмат бошанд ва худро на бо мӯйбофӣ, на бо тилло, на бо марворид ва на бо либосҳои гаронбаҳо оро диҳанд,+

[10] Балки бо аъмоли нек, чунон ки ба занони парҳезгор муносиб аст.

[11] Бигзор зан дар хомӯшӣ бо камоли итоат таълим гирад;+

[12] Ва ба зан иҷозат намедиҳам, ки таълим диҳад ва бар мард ҳукмрон шавад, балки хомӯш бошад+.

[13] Зеро ки аввал Одам офарида шудааст, ва баъд аз ӯ Ҳавво;+

[14] Ва Одам фирефта нашудааст, балки зан фиреб хӯрда, ба гуноҳ дучор шудааст;+

[15] Лекин вай ба воситаи бачазоӣ наҷот хоҳад ёфт, агар дар имон ва муҳаббат ва кудсият бо исмат қоим бошад.

## Дар бораи мансабҳои калисо.

### 1. Дар бораи усқуфҳо.

3 [1] Чунин суҳан амин аст, ки агар касе усқуфиро орзу кунад,
кори ҳубе орзу мекунад+.

[2] Аммо усқуф бояд беайб, соҳиби як зан, ҳушьёр, боисмат, боодоб,
меҳмоннавоз ва омӯзгор бошад;+

[3] На моили шаробнӯшӣ, на ҷангара, на тамаъкор, балки сокит ва
сулҳҷӯ, на зарпараст;+

[4] Хонаву ҷои худро ба хубӣ идора кунад, фарзандонашро бо
камоли ҳалолкорӣ дар итоат нигоҳ дорад;

[5] Зеро, кас агар хонаву ҷои худро идора карда натавонад, оё вай
дар бораи Калисои Худо ғамҳорӣ карда метавонад?

[6] Аз ҷумлаи навимонон набошад, мабодо мағрур шуда, зери ҳукми
иблис афтад.

[7] Ва ҳамчунин аз ҷониби онҳое ки дар берунанд, ӯ бояд шаҳодати
нек дошта бошад, то ки ба мазаммат ва доми иблис гирифтор
нашавад+.

### 2. Дар бораи дьяконҳо.

[8] Лозим аст, ки дьяконҳо низ ҳалолкор бошанд, на дузабон, на
шавқманди шаробнӯшӣ, на тамаъкор,+

[9] Балки сирри имонро дар виҷдони пок нигоҳ доранд.

[10] Валекин онҳо ҳам бигзор аввал озмуда шаванд ва баъд, агар
беайб бошанд, ҳизмат кунанд.

[11] Ҳамчунин занонашон бояд ҳалолкор бошанд, на ғайбаткунанда,
балки ҳушьёр ва аз ҳар ҷиҳат мӯътамад+.

[12] Дьяконҳо бояд соҳиби як зан бошанд, фарзандон ва хонаву ҷои
худро ба хубӣ идора кунанд;

[13] Зеро онҳое ки нағз хизмат карда бошанд, барои худ мартабаи
олӣ ва ҷуръати азим дар имоне ки дар Исои Масеҳ аст, муҳайё
мекунанд.

### 3. Калисо буньёди ростист.

[14] Инро ба ту менависам ба умеди он ки ба қарибӣ назди ту биёям.

[15] Аммо агар даранг кунам, туро лозим аст бидонӣ, ки чӣ гуна дар
хонаи Худо рафтор намоӣ, ки он Калисои Худои Ҳай, рукн ва буньёди
ростист.
[16] Ва бечуну чаро бузург аст сирри диндорӣ:
Худо дар ҷисм зоҳир шуд,
дар Рӯҳ тасдиқ гардид, ба василаи фариштаҳо дида шуд,
дар миёни халқҳо мавъиза карда шуд,
дар ҷаҳон бо имон пазируфта шуд,
дар ҷалол боло бароварда шуд+.

## Огоҳонидан аз парҳези риёкорона.

**4** [1] Аммо Рӯҳ кушоду равшан мегӯяд, ки дар замонҳои охир баъзе
касон аз имон баргашта, ба арвоҳи фиребанда ва таълимоти
шаётин гӯш хоҳанд андохт,+
[2] Ба воситаи риёкории дурӯғгӯёне ки виҷдонашон гӯё бо доғе
беҳис шудааст,
[3] Никоҳро манъ мекунанд ва аз ҳар навъ хӯрок парҳез
мефармоянд, ки онро Худо офаридааст, то ки имондорон ва орифони
ростӣ бо шукргузорӣ бихӯранд+.
[4] Зеро ки ҳар офаридаи Худо хуб аст, ва ҳеҷ чиз набояд рад карда
шавад, агар онро бо шукргузорӣ бихӯранд,+
[5] Чунки он бо каломи Худо ва бо дуо тақдис мегардад+.

## Дар бораи диндорӣ ва баракоти он.

[6] Агар инро ба бародарон талқин намоӣ, хизматгузори неки Исои
Масеҳ хоҳӣ буд, ки аз суханони имон ва таълимоти неке ки пайравӣ
кардаӣ, ғизо мегирӣ.
[7] Аммо аз қиссаҳои нолоиқи аҷузаҳо рӯй гардон, балки худро дар
диндорӣ машқ деҳ;+
[8] Зеро ки машқи ҷисмонӣ кам фоида дорад, вале диндорӣ барои
ҳама чиз фоиданок аст, ки ваъдаи ҳаёти ҳозира ва ояндаро дорад.
[9] Дуруст аст ин сухан ва сазовори қабули куллӣ+.
[10] Зеро барои ҳамин ҳам мо меҳнат мекунем ва заҳмат мекашем,
ки ба Худои Ҳай умед бастаем, ки Ӯ Наҷотдиҳандаи ҳамаи одамон,
алалхусус имондорон аст+.
[11] Ҳаминро мавъиза намо ва таълим деҳ.
[12] Бигзор ҳеҷ кас ба ҷавонии ту беэътиноӣ накунад; балки барои
имондорон дар сухан, дар рафтор, дар муҳаббат, дар рӯҳ, дар имон,
дар покӣ намунаи ибрат бош+.
[13] То вақти омаданам ба қироат, насиҳат ва таълим машғул шав.
[14] Ба бахшоиши Рӯҳ, ки дар туст, беэътиноӣ накун, ки он ба ту ба
василаи нубувват бо гузоштани дастҳои пирон дода шудааст+.
[15] Ба ин ғамхорӣ намо ва инро тарк накун, то ки муваффақияти ту
ба ҳама намоён шавад.

[16] Ба худат ва ба таълим диққат деҳ, доимо ба ин машғул бош; зеро, агар ҳамин тавр рафтор кунӣ, ҳам худатро наҷот медиҳӣ ва ҳам шунавандагонатро+.

## Дар бораи унвонҳо дар Калисо.

### 1. Дар бораи пирамардон ва ҷавонон.

5 1 Пирамардро мазаммат накун, балки чун падар насиҳат деҳ;
ҷавононро чун бародарон;+
2 Пиразанонро чун модарон; ҷавонзанонро чун хоҳарон, бо
камоли покӣ.
3 Бевазанонро, агар бевазанони ҳақиқӣ бошанд, эҳтиром намо.
4 Вале агар бевазане соҳиби фарзандон ва ё набераҳо бошад,
бигзор онҳо аввал вазифаи динии худро нисбат ба оила таълим
гиранд ва падарону модаронро қадрдонӣ кунанд, зеро ки ин
писандидаи Худост+.
5 Бевазани ҳақиқӣ ва бекас ба Худо умед мебандад ва шабу рӯз ба
тазаррӯъ ва дуо машғул аст,
6 Лекин бевазане ки дар айшу ишрат умр могузаронад, зинда ба
зинда мурдааст+.
7 Ана ҳаминро ба онҳо талқин намо, то ки беайб бошанд.
8 Аммо агар касе ба хешу табораш ва алалхусус ба аҳли хонааш
ғамхорӣ накунад, вай тарки имон кардааст ва аз беимонон бадтар
аст.
9 Ба рӯйхат номи бевазане сабт шавад, ки синну солаш аз шаст кам
набошад ва як шавҳар карда бошад
10 Ва дар бораи аъмоли некаш шаҳодате дошта бошад:
фарзандонро тарбият дода, ғарибонро меҳмондорӣ карда, пойҳои
муқаддасонро шуста, аламзадагонро дастгирӣ намуда ва ҳар амали
некро пайравӣ карда бошад+.
11 Лекин бевазанони ҷавонро қабул накун, зеро вақте ки шаҳват
онҳоро аз Масеҳ дур месозад, мехоҳанд никоҳ кунанд;
12 Бинобар ин маҳкум хоҳанд шуд, чунки имони пештараро рад
кардаанд;
13 Илова бар ин, азбаски бекоранд, хона ба хона мегарданд, — ва на
танҳо бекоранд, балки низ лаққӣ ва кунҷков буда, суханоне мегӯянд,
ки шоиста нест+.
14 Пас, хоҳиши ман ин аст, ки ҷавонзанон никоҳ кунанд, бача
зоянд, бо рӯзгори хона машғул шаванд ва ба душман ҳеҷ як асосе

надиҳанд, ки бадгӯӣ кунад:+
[15] Зеро ки баъзе аз онҳо аз паи шайтон рафта, гумроҳ шудаанд.
[16] Агар мард ё зани имондоре бевазанон дошта бошад, бигзор ба онҳо мадад расонад ва бар Калисо гаронӣ накунад, то ки Калисо ба бевазанони ҳақиқӣ мадад расонда тавонад.

## 2. Дар бораи пирон.

[17] Пироне ки нағз сардорӣ мекунанд, эҳтироми дучандро сазоворанд, алалхусус онҳое ки дар ваъз ва таълим меҳнат мекунанд+.
[18] Зеро ки дар Навиштаҳо гуфта шудааст: «Вақте ки барзагов хирман мекӯбад, даҳонашро набанд»; ва боз: «Меҳнаткаш музди худро сазовор аст»+.
[19] Шикоятро дар ҳаққи пире, бе он ки ду ё се шоҳид бошад, қабул накун+.
[20] Хатокоронро дар ҳузури ҳама танбеҳ намо, то ки дигарон низ битарсанд+.
[21] Дар пеши Худо ва Исои Масеҳи Худованд ва фариштаҳои баргузида туро қасам медиҳам, ки инро бе ғаразе риоя намоӣ ва ҳеҷ коре бо рӯйбинӣ накунӣ.
[22] Дастҳоро бар ҳеҷ кас шитобкорона нагузор ва ба гуноҳҳои дигарон шарик нашав; худро пок нигоҳ дор+.
[23] Минбаъд оби танҳо нанӯш, балки барои меъдаат ва нотобиҳои зиёде ки дорӣ, каме шароб ба кор бар+.
[24] Гуноҳҳои баъзе касон ошкор аст ва рост сӯи маҳкумият мебарад, лекин гуноҳҳои баъзеи дигарон баъдтар ошкор мешавад.
[25] Ҳамчунин аъмоли нек ошкор аст, ва агар ин тавр набошад ҳам, пинҳон монда наметавонад.

## 3. Дар бораи ғуломон.

**6** 1 Ғуломоне ки зери юғ мебошанд, бояд оғоёни худро сазовори
ҳар иззату икром донанд, то ки исми Худо ва таълимоти мо
гирифтори мазаммат нашавад+.
2 Вале онҳое ки оғоёни имондор доранд, набояд ба онҳо
беэътиноӣ кунанд, чунки онҳо бародаронанд; балки бояд бо ҷидду
ҷаҳди боз ҳам зиёдтар ба онҳо хизмат кунанд, зеро онҳое ки аз инҳо
баҳрае мебинанд, имондор ва маҳбубанд. Инро таълим деҳ ва
насиҳат намо+.

## Оқибатҳои ҷудошавӣ аз таълимоти солим.

## Насиҳат барои мӯътадилӣ.

3 Агар касе таълимоти дигарро паҳн кунад ва ба суханони солими
Худованди мо Исои Масеҳ ва ба таълимоти диндорӣ пайравӣ
накунад, —+
4 Вай мағрур аст, ҳеҷ чизро намедонад, балки ба бемории
муҷодилот ва мубоҳисот дучор шудааст, ки аз онҳо ҳасад, ҷанҷол,
бадзабониҳо, гумонҳои шарирона+
5 Ва мунозираҳои бекора ба амал меояд дар миёни шахсони
ақлрамида ва аз ҳақиқат бегонае ки мувофиқи пиндошташон
диндорӣ манбаи фоида аст. Аз чунин шахсон канорагирӣ намо+.
6 Аммо диндорӣ бо қаноатмандӣ манфиати зиёде дорад+.
7 Зеро ки мо ба дуньё чизе наовардаем, ва равшан аст, ки
наметавонем чизе аз он низ бибарем+.
8 Бинобар ин, модоме ки хӯрок ва либос дорем, аз он қонеъ хоҳем
буд+.
9 Лекин онҳое ки мехоҳанд сарватдор шаванд, гирифтори озмоиш
ва дом ва бисьёр ҳавасҳои беақлона ва зарарнок мешаванд, ки онҳо
мардумро дар хонавайронӣ ва ҳалокат меғӯтонанд+.
10 Зеро ки решаи ҳамаи бадихо зарпарастист, ки баъзе касон ба он
орзуманд шуда, аз имон баргаштаанд ва худро гирифтори андӯҳҳои
зиёде кардаанд+.

## Павлус Тимотиюсро ба талош дар роҳи имон даъват

## менамояд.

[11] Аммо ту, эй одами Худо, аз ин ҳазар намо ва аз паи адолат,
диндорӣ, имон, муҳаббат, сабр ва фурӯтанӣ бирав;+
[12] Дар роҳи имон ба таври нек талош намо, ҳаёти ҷовидониро аз
они худ бисоз, ки барои он ту даъват гардидаӣ ва дар пеши
шоҳидони бисьёр эътирофи нек кардаӣ+.
[13] Ба ҳузури Худое ки ҳамаро ҷон мебахшад, ва ба ҳузури Исои
Масеҳ, ки дар пеши Понтиюс Пилотус эътирофи нек кардааст, ба ту
амр мефармоям,+
[14] Ки ҳукмро то вақти зуҳури Худованди мо Исои Масеҳ беайб ва
бенуқсон риоя намоӣ,
[15] Ки онро Фармонгузори таборак ва ягона, Подшоҳи подшоҳон ва
Худованди худовандон дар вақти худ нишон хоҳад дод,+
[16] Ки танҳо Ӯ Ҳайи лоямут буда, дар нури дастнорас сокин аст, ва
Ӯро як нафар ҳам аз одамон надидааст ва дида наметавонад. Ӯро то
абад шавкат ва қудрат бод! Омин.
[17] Сарватдорони ин дуньёро амр фармой, ки ҳавобаландӣ
накунанд ва ба сарвати бебақо умед набанданд, балки ба Худои Ҳай,
ки ҳама чизро барои маишати мо ба фаровонӣ ато мекунад;+
[18] Бигзор онҳо некӣ кунанд ва аз аъмоли нек сарватманд шаванд,
валинеъмат ва одамдӯст бошанд+
[19] Ва барои худ ганҷе ғун кунанд, ки барои оянда асоси нек гардад,
то ки хаёти ҷовидониро аз они худ созанд.

## Огоҳонии хотимавӣ.

## Салом.

[20] Эй Тимотиюс! Он чиро, ки ба ту амонат гузошта шудааст,
муҳофизат намо ва аз ёвагӯии ношоям ва мубоҳисоте ки бардурӯғ
дониш номида мешавад, рӯй гардон,+
[21] Ки баъзе касон ба он часпида, аз имон баргаштаанд. Файз бо ту
бод. Омин+.

---

+ 1:1 Қӯл. 1:27

+ 1:2 Аъм. 16:1, Фпл. 2:22, 2 Тим. 1:2, 2 Юҳ. 1:3

+ 1:4 1 Тим. 4:7, 2 Тим. 4:4, Тит. 1:14, Тит. 3:9

+ 1:5 Рум. 12:9, 2 Тим. 2:22

+ 1:6 1 Тим. 6:21, Тит. 1:10

+ 1:8 Рум. 7:16

+ 1:9 Ғал. 5:23

+ 1:11 Тит. 1:3

+ 1:12 Аъм. 9:22, Фпл. 4:13

+ 1:13 Аъм. 8:3, Аъм. 3:17

+ 1:14 Рум. 5:20

+ 1:15 1 Тим. 3:1, 1 Тим. 4:9, 2 Тим. 2:11, Тит. 3:8, Мат. 9:13, Марқ. 2:17

+ 1:18 1 Тим. 4:14, 2 Қӯр. 10:4, 2 Тим. 2:2-4

+ 1:20 2 Тим. 2:17, 2 Тим. 4:14, 1 Қӯр. 5:5

+ 2:2 Эзр. 6:10

+ 2:3 1 Тим. 5:4

+ 2:4 Ҳиз. 18:23, Ҳиз. 33:11, 2 Пет. 3:9, Тит. 1:2, Тит. 2:11

+ 2:5 Ғал. 3:20

+ 2:6 Мат. 20:28, Тит. 1:3

+ 2:7 Аъм. 9:15, Рум. 1:5, Ғал. 1:15-16, Эфс. 3:7-8, 2 Тим. 1:11, Рум. 9:1, 2 Қӯр. 11:10

+ 2:9 1 Пет. 3:3-4

+ 2:11 Тит. 2:5

+ 2:12 1 Қӯр. 14:34

+ 2:13 Ҳас. 2:7, Ҳас. 2:22

+ 2:14 Ҳас. 3:6, Ҳас. 3:13, 2 Қӯр. 11:13

+ 3:1 1 Тим. 1:15, 2 Тим. 2:11, Тит. 3:8

+ 3:2 Тит. 1:6-9

+ 3:3 Тит. 3:2, Мат. 6:19, 1 Тим. 6:9, Ибр. 13:5

+ 3:7 2 Тим. 2:26

+ 3:8 Аъм. 6:3, 1 Пет. 5:2, Тит. 1:7

+ 3:11 Тит. 2:3

+ 3:16 Юҳ. 1:14, 1 Юҳ. 4:2, 2 Юҳ. 1:7, Ибр. 2:14, Марқ. 16:19, Луқ. 24:51, Аъм. 1:9

+ 4:1 1 Юҳ. 2:18, 2 Тим. 3:1, 1 Юҳ. 4:6, Яъқ. 3:15, 2 Пет. 2:1, Ваҳй 2:24

+ 4:3 Рум. 14:2, Қӯл. 2:16, Қӯл. 2:21

+ 4:4 Ҳас. 1:31, Марқ. 7:15-16, Аъм. 10:15, Тит. 1:15

+ 4:5 Ҳас. 1:25

+ 4:7 1 Тим. 1:4, 2 Тим. 2:16

+ 4:9 1 Тим. 1:15, 2 Тим. 2:11, Тит. 3:8

+ 4:10 Фпл. 1:30, Қӯл. 1:29

+ 4:12 Тит. 2:15, 1 Пет. 5:3, Фпл. 3:17, 2 Тас. 3:9, Тит. 2:7

+ 4:14 1 Тим. 1:18, Аъм. 6:6, 1 Тим. 5:22, 2 Тим. 1:6

+ 4:16 Ҳиз. 33:9

+ 5:1 Тит. 2:6

+ 5:4 1 Тим. 2:3

+ 5:6 Ваҳй 3:1

+ 5:10 Юҳ. 13:14, Аъм. 9:36

+ 5:13 2 Тас. 3:11

+ 5:14 1 Қӯр. 7:9, Тит. 2:8

+ 5:17 Рум. 12:8, 1 Тас. 5:12

+ 5:18 Так. Шар. 25:4, 1 Қӯр. 9:9, Луқ. 10:7

+ 5:19 Так. Шар. 19:15

+ 5:20 Так. Шар. 13:11, Ғал. 2:14, 2 Тим. 4:2, Тит. 1:13, Тит. 2:15

+ 5:22 Аъм. 6:6, 1 Тим. 4:14, 2 Тим. 1:6, 2 Пет. 3:14, 1 Юҳ. 5:18, 2 Юҳ. 1:10, 1 Тим. 5:22

+ 5:23 Мас. 20:1, Мас. 23:20, Мас. 31:4, Эфс. 5:18

+ 6:1 1 Пет. 2:18, Эфс. 6:5, Қӯл. 3:22, Тит. 2:9

+ 6:2 Филем. 1:16

+ 6:3 Рум. 16:17

+ 6:4 2 Тим. 2:14, 2 Тим. 2:23, Тит. 3:9

+ 6:5 2 Пет. 2:3, Тит. 1:11

+ 6:6 Фпл. 4:11

+ 6:7 Айюб 1:21, Заб. 48:18, Воиз 5:14

+ 6:8 Мас. 30:8

+ 6:9 Мас. 15:27, Мас. 23:4, Мат. 6:19, Луқ. 12:15, Ибр. 13:5

+ 6:10 Хур. 23:8, Так. Шар. 16:19

+ 6:11 Так. Шар. 33:1, 3 Подш. 17:21, 2 Тим. 3:17

+ 6:12 2 Тим. 4:7, Яҳ. 1:3

+ 6:13 Луқ. 3:1, Луқ. 23:1, Аъм. 3:13

+ 6:15 Так. Шар. 10:17, Ваҳй 17:14, Ваҳй 19:16, Хур. 33:20, Юҳ. 1:18

+ 6:17 Мас. 23:5, Мас. 27:24

+ 6:18 Луқ. 12:21, Рум. 12:13, Эфс. 4:28

+ 6:20 2 Тим. 1:12, 2 Тим. 2:16

+ 6:21 1 Тим. 1:6

*НОМАИ ДУЮМИ*

*ҲАВВОРИИ МУҚАДДАС ПАВЛУС*

# БА ТИМОТИЮС

1 2 3 4

## Худо имондорро дар қувват, муҳаббат ва парҳезгорӣ мустаҳкам мекунад.

**1** 1 Павлус, ҳаввории Исои Масеҳ бо иродаи Худо, ба ҳасби
ваъдаи ҳаёт, ки дар Исои Масеҳ аст,+
2 Ба Тимотиюс, фарзанди маҳбубам: файз, марҳамат ва осоиштагӣ
аз ҷониби Худои Падар ва Худованди мо Исои Масеҳ бод+.
3 Шукргузорӣ менамоям Худоеро, ки чун аҷдоди худ бо виҷдони
пок ба Ӯ ибодат мекунам, барои он ки ҳамеша туро дар дуоҳоям шабу
рӯз ба ёд меоварам+.
4 Шавқманди дидори ту ҳастам, — дар ҳолате ки ашкҳои туро дар
хотир дорам, — то аз шодӣ пур шавам,
5 Зеро ки имони бериёи туро, ки пештар дар модаркалонат Лӯид
ва модарат Авниқо сокин буд, ба ҳотир меоварам ва яқин дорам, ки
он дар ту низ сокин аст+.
6 Ба ин сабаб ба ту хотиррасон мекунам, ки он бахшоиши Худоро,
ки ба василаи гузоштани дастҳои ман дар туст, авҷ гиронӣ;+
7 Зеро ки Худо ба мо на рӯҳи тарсу ҳаросро, балки рӯҳи қувват ва
муҳаббат ва парҳезгорӣ додааст+.
8 Пас, на аз шаҳодат додан ба Худованди мо ва на аз ман, ки
бандии Ӯ ҳастам, ор дор, балки барои башорат ба ҳасби қуввати Худо
уқубат бикаш,+
9 Ки Ӯ моро наҷот додааст ва ба даъвати муқаддас хондааст, на бар
тибқи аъмоли мо, балки ба ҳасби таъиноти Худ ва ба ҳасби он файзе
ки ба мо аз азал дар Исои Масеҳ ато шудааст,+
10 Вале алҳол ба василаи зуҳури Наҷотдиҳандаи мо Исои Масеҳ
ошкор гардидааст, ки Ӯ мамотро ботил намуд ва ҳаёт ва бефаноиро
ба воситаи башорат дураҳшон кард,+
11 Ки барои он ман воиз ва ҳаввории ва муаллими халқҳо таъин
шудаам+.
12 Ба ин сабаб ман чунин уқубат мекашам, лекин ор намедорам,
зеро медонам, ки ба Кӣ имон овардаам, ва ман яқин дорам, ки Ӯ
қодир аст амонати маро то он рӯз нигоҳ дорад+.
13 Намунаи суханони солимро, ки аз ман шунидаӣ, бо имон ва
муҳаббате ки дар Исои Масеҳ аст, пайравӣ намо.

[14] Он амонати некро ба воситаи Рӯҳулқудсе ки дар мо сокин аст,
нигоҳ дор+.

## Ҳамкорони бовафо ва бевафои Павлус.

[15] Ту медонӣ, ки ҳамаи онҳое ки дар вилояти Осиё ҳастанд, маро
тарк карданд; аз он ҷумла Фуҷлус ва Ҳармуҷнис+.
[16] Худованд ба аҳли хонаи Анисифӯрус марҳамат намояд барои он
ки ӯ чандин бор маро дилдорӣ дод ва аз занҷирҳоям хиҷил нашуд,+
[17] Балки, ҳангоме ки ба Рум омад, бо ҷидду ҷаҳди зиёде маро
ҷустуҷӯ намуда, ёфт.
[18] Худованд ба ӯ ато фармояд, ки ба ҳузури Худованд дар он рӯз
марҳамат пайдо кунад. Ва хизмати бисьёреро, ки ӯ дар Эфсӯс барои
ман кардааст, ту хубтар медонӣ.

## Касе ки ба Исо имон дорад, бояд бо файз қавӣ бошад ва адолат, имон, муҳаббат ва осоиштагиро пайравӣ намояд.

2 [1] Пас, эй фарзандам, бо файзе ки дар Исои Масеҳ аст, қавӣ бош.

[2] Ва он чиро, ки аз ман дар ҳузури шоҳидони бисьёр шунидаӣ, ба одамони мӯътамаде бисупор, ки лаёқат дошта бошанд дигаронро низ таълим диҳанд.

[3] Ҳамчун сарбози неки Исои Масеҳ ба уқубатҳо тоб овар+.

[4] Ҳеҷ сарбоз худро бо корҳои рӯзгор банд намекунад, то ки ба сипаҳсолор писанд афтад.

[5] Ва агар касе мубориза кунад ҳам, соҳиби тоҷ намешавад, агар ғайриқонунӣ мубориза карда бошад+.

[6] Зироаткори меҳнаткаш бояд аввалин шахс бошад, ки аз ҳосил баҳра барад+.

[7] Он чи мегӯям, бифаҳм ва Худованд дар ҳама чиз ба ту фаҳм хоҳад дод.

[8] Исои Масеҳро дар хотир нигоҳ дор, ки аз насли Довуд буд ва аз мурдагон эҳьё шуд, ба ҳасби башорати ман,+

[9] Ки барои он, мисли бадкоре, то ба дараҷаи занҷирҳо уқубат мекашам, аммо каломи Худо ба занҷирҳо банд нест+.

[10] Бинобар ин ман ба ҳар чиз ба хотири баргузидагон сабр мекунам, то ки онҳо низ ба наҷоте ки дар Исои Масеҳ аст, бо ҷалоли абадӣ ноил шаванд+.

[11] Дуруст аст ин суҳан: агар бо Ӯ мурда бошем, бо Ӯ зиндагӣ ҳам хоҳем кард;+

[12] Агар тоқат оварем, бо Ӯ салтанат ҳам хоҳем ронд; вале агар инкор кунем, Ӯ низ моро инкор хоҳад кард;+

[13] Агар мо бевафо бошем, Ӯ вафодор аст, зеро ки Худро инкор карда наметавонад+.

## Огоҳонидан аз баҳсу мунозираи бефоида.

[14] Ҳаминро хотиррасон карда, ба ҳузури Худованд ба онҳо дастур деҳ, ки ба баҳсу мунозира машғул нашаванд, ки он ҳеҷ фоида намебахшад, балки шунавандагонро парешонхотир месозад+.

[15] Саъю кӯшиш намо, ки худро ба Худо муносиб нишон диҳӣ, ҳамчун коркуне ки хиҷил намешавад ва каломи ростиро дуруст

мавъиза мекунад.
[16] Вале аз ёвагӯии ношоям канорагирӣ намо; зеро ки ин кор
мардумро боз ҳам зиёдтар ба маъсият гирифтор хоҳад кард,+
[17] Ва суханашон, ҳамчун мараз, паҳн хоҳад шуд. Дар миёни онҳо
Ҳумниюс ва Филитус ҳастанд,+
[18] Ки аз ростӣ дур шуда, мегӯянд, ки «эҳьё аллакай воқеъ
шудааст», ва имони баъзеро хароб мекунанд+.

## Калисои ҳақиқӣ устувор аст.

[19] Аммо буньёди матини Худо қоим аст ва чунин мӯҳре дорад:
«Худованд мансубони Худро мешиносад»; ва боз: «Ҳар кӣ исми
Худовандро мехонад, бигзор аз шарорат канорагирӣ намояд»+.
[20] Вале дар хонаи калон на танҳо зарфҳои тилло ва нуқра, балки
чӯбин ва гилин ҳам ҳаст, ва аз онҳо баъзе барои истеъмоли иззатнок
аст, ва баъзе барои истеъмоли зиллатнок+.
[21] Пас, ҳар кӣ худро аз инҳо пок кунад, зарфе барои истеъмоли
иззатнок хоҳад буд, ки он муқаддас ва қобили истифодаи соҳибаш
мебошад ва тайёр ба ҳар амали нек.

## Дар бораи рафтори дуруст.

[22] Аз шаҳавоти ҷавонӣ бигрез ва бо ҳамаи онҳое ки Худовандро аз
самими қалб мехонанд, аз паи адолат, имон, муҳаббат ва осоиштагӣ
бирав+.
[23] Аз мубоҳисаҳои аблаҳона ва ҷоҳилона канорагирӣ намо, чун
медонӣ, ки онҳо ҷанҷолҳоро ба вуҷуд меоваранд;+
[24] Лекин бандаи Худованд набояд ҷанҷол кунад, балки бо ҳама
меҳрубон, омӯзгор ва сабур бошад,
[25] Бо фурӯтанӣ мухолифонро насиҳат диҳад, ки шояд Худо ато
фармояд, ки онҳо тавба карда, ба дониши ростӣ бирасанд+
[26] Ва аз доми иблис раҳоӣ ёбанд, ки вай онҳоро асири иродаи худ
гардондааст+.

## Вайронии ахлоқи одамон дар замони охир.

**3** [1] Ва инро бидон, ки дар айёми охир замонҳои сахт фаро хоҳад расид+.

[2] Зеро ки одамон худписанд хоҳанд шуд, ва зарпараст, ва пурғурур, ва ҳавобаланд, ва бадзабон, ва беитоат ба падарону модарон, ва кӯрнамак, ва осӣ, ва ноаҳл,+

[3] Ва номуросо, ва тӯҳматчӣ, ва бепарҳез, ва бераҳм, ва душмани некӣ,+

[4] Ва хоин, ва рӯйнатан, ва бодӣ, ки айшу ишратро бештар аз Худо дӯст медоранд,

[5] Ва намуди зоҳирии диндориро доранд, вале қуввати онро инкор мекунанд. Аз чунин шахсон канорагирӣ намо.

[6] Зеро ба онҳо касоне тааллуқ доранд, ки пинҳонӣ ба хонаҳо даромада, занони заифмизоҷеро фирефта мекунанд, ки дар гуноҳҳо ғӯтидаанд, ба ҳавасҳои гуногун моил шудаанд.

[7] Ин занон ҳамеша таълим мегиранд, вале ҳаргиз ба дониши ростӣ расида наметавонанд.

[8] Чунон ки Янис ва Ямбрис ба муқобили Мусо қиём карда буданд, ончунон инҳо низ, ки мардуми олудафикр ва мардуди имон мебошанд, ба муқобили ростӣ қиём мекунанд.

[9] Аммо бисьёр комьёб нахоҳанд шуд, зеро ки аблаҳии онҳо дар пеши назари ҳама ошкор ҳоҳад шуд, чунон ки дар хусуси Янис ва Ямбрис низ воқеъ шуда буд+.

## Имони зинда бе таъқибот намемонад.

[10] Лекин ту таълим, тарзи ҳаёт, рафтор, имон, ҳиммат, муҳаббат ва тоқати маро медонӣ,

[11] Ҳамчунин таъқибот ва уқубатҳоеро, ки дар Антиёхия, Иқуния ва Лустра ба сари ман омад, ва чӣ тавр он таъқиботро ман аз сар гузарондам, ва Худованд маро аз ҳамааш халосӣ дод+.

[12] Ва ҳамаи онҳое ки мехоҳанд парҳезгорона дар Исои Масеҳ зиндагӣ кунанд, ба таъқибот дучор хоҳанд шуд;+

[13] Вале одамони бад ва фиребгарон боз ҳам бадтар гардида, дигаронро гумроҳ хоҳанд кард ва худашон гумроҳ хоҳанд шуд+.

## Насиҳат дар бораи пайравӣ кардани таълимоти ҳавввориён ва Навиштаи Муқаддас.

14 Лекин ту дар он чи таълим гирифтаӣ ва мӯътақид шудаӣ, қоим
бош, чун медонӣ, ки туро кӣ таълим додааст;
15 Ва аз кӯдакиат Навиштаҳои Муқаддасро медонӣ, ки метавонанд
туро ҳикмат омӯзанд барои наҷот ёфтан ба василаи имоне ки дар
Исои Масеҳ аст+.
16 Тамоми Навиштаҳо аз рӯи илҳоми илоҳист ва барои омӯзиш,
барои мазаммат, барои ислоҳ, барои ҳидоят ба роҳи адолат
фоиданок аст,+
17 То ки марди Худо комил гардида, ба ҳар амали нек муҳайё
бошад+.

## Насиҳати охирин дар бораи вафодорӣ ба мавъиза.

## Павлус ба зудӣ вафот карданашро нигарон аст.

4 1 Пас, туро ба ҳузури Худо ва Исои Масеҳи Худованд, ки
зиндагон ва мурдагонро доварӣ хоҳад кард, ва ба зуҳури Ӯ ва ба
Малакути Ӯ қасам медиҳам,+

2 Ки каломро мавъиза кунӣ ва дар вақти муносиб ё номуносиб
омода бошӣ, бо тамоми пурсабрӣ омӯзгорӣ ва мазаммат, манъ ва
насиҳат кунӣ+.

3 Зеро замоне фаро ҳоҳад расид, ки таълимоти солимро қабул
нахоҳанд кард, балки бар тибқи ҳавасҳои худ барои худ муаллимоне
хоҳанд баргузид, ки нутқашон ба гӯшҳо хуш ояд;

4 Ва гӯшҳои худро аз ростӣ гардонда, ба қиссаҳо рӯ хоҳанд овард.

5 Аммо ту дар ҳама чиз ҳушьёр бош ва уқубат кашида, кори
башоратдиҳандаро ба ҷо овар ва хизмати ҳудро иҷро намо+.

6 Зеро ки ман акнун қурбонии рехтанӣ мешавам, ва замони
риҳлатам фаро расидааст+.

7 Дар кашмакаши неке талош кардам, давишро анҷом додам,
имонро нигоҳ доштам;+

8 Ва акнун барои ман тоҷи адолат муҳайё гардидааст, ки онро
Худованд, Довари одил, дар он рӯз ба ман хоҳад дод; ва на танҳо ба
ман, балки низ ба ҳамаи онҳое ки зуҳури Ӯро дӯст доштаанд+.

## Ахборот. Дар мурофиа Павлус аз ҷониби Худо тақвият ёфт.

9 Саъю кӯшиш намо, ки ба зудӣ назди ман биёӣ.

10 Зеро ки Димос ин дуньёро дӯст дошта, маро тарк кард ва ба
Таслӯникӣ равона шуд; Крисқис ба Ғалотия рафт, ва Титус — ба
Далмотия; танҳо Луқос бо ман аст+.

11 Марқӯсро гирифта ҳамроҳат биёр, зеро ки ба ман барои
хизматам муфид аст+.

12 Ман Тӯхиқӯсро ба Эфсӯс фиристодам+.

13 Ҳангоми омаданат ридоеро, ки ман дар Трӯас назди Қарпӯс
мондаам, биёр, китобҳоро низ, алалхусус онҳоеро, ки ба коғази пӯстӣ
навишта шудаанд+.

14 Искандари мисгар ба ман бисьёр бадӣ кард. Худованд мувофиқи
аъмолаш подоше ба ӯ ҳоҳад дод+.

[15] Ту низ аз ӯ эҳтиёт шав, зеро ки ӯ ба паёми мо сахт муқобилият
кард.
[16] Дар муҳокимаи аввалинам ҳеҷ кас тарафи маро нагирифт,
балки ҳама маро тарк карданд. Бигзор ин барояшон гуноҳ ҳисоб
нашавад!
[17] Аммо Худованд ёри ман буд ва маро қавӣ кард, то ки ба воситаи
ман башорат тамоман эълон гардад, ва ҳамаи халқҳо онро
бишнаванд; ва ман аз даҳони шер раҳо шудам+.
[18] Ва Худованд маро аз ҳар амали бад халосӣ дода, барои Малакути
Осмонии Худ маҳфуз хоҳад дошт. Ӯро то абад ҷалол бод. Омин.

## Саломҳо.

[19] Ба Прискила ва Акило ва аҳли хонаи Анисифӯрус салом расон+.
[20] Арастус дар Қӯринтӯс монд; ва Трофимӯсро дар Милитус бемор
вогузоштам+.
[21] Саъю кӯшиш намо, ки пеш аз зимистон биёӣ. Ӯвулӯс ва Пудис,
ва Линӯс ва Клавдиюс, ва ҳамаи бародарон ба ту салом мерасонанд.
[22] Исои Масеҳи Худованд бо рӯҳи ту бод. Файз бо шумо бод. Омин.

---

+ 1:1 Тит. 1:2, Ибр. 9:15

+ 1:2 Аъм. 16:1, Фпл. 2:22, 1 Тим. 1:2, 2 Юҳ. 1:3

+ 1:3 1 Тас. 3:10, Аъм. 23:1, 2 Қӯр. 1:12, Рум. 1:8, Филем. 1:4

+ 1:5 Аъм. 16:1

+ 1:6 Аъм. 6:6, 1 Тим. 4:14, 1 Тим. 5:22

+ 1:7 Рум. 8:15

+ 1:8 Марқ. 8:38, Рум. 1:16, 2 Тим. 2:3, 2 Тим. 4:5

+ 1:9 Рум. 3:27, Эфс. 2:4, Эфс. 2:8, Тит. 3:5

+ 1:10 1 Қӯр. 15:54-55, Рум. 16:24

+ 1:11 1 Тим. 2:7

+ 1:12 2 Тим. 2:9, Марқ. 8:38, Рум. 1:16, 1 Тим. 6:20

+ 1:14 Рум. 8:9

+ 1:15 Аъм. 19:10

+ 1:16 2 Тим. 4:19, Аъм. 21:33, Аъм. 28:20, Мат. 25:36

+ 2:3 1 Тим. 1:18, 2 Тим. 1:8, 2 Тим. 4:5

+ 2:5 1 Қӯр. 9:25

+ 2:6 1 Қӯр. 9:10

+ 2:8 1 Қӯр. 15:20, Мат. 1:1

+ 2:9 Эфс. 3:1, Фпл. 1:7

+ 2:10 1 Пет. 5:10, Эфс. 3:13, 2 Қӯр. 1:6

+ 2:11 1 Тим. 1:15, Тит. 3:8, Рум. 6:8, Ваҳй 20:4

+ 2:12 Мат. 10:33

+ 2:13 Рум. 3:3, Ад. 23:19

+ 2:14 1 Тим. 6:4, Тит. 3:9

+ 2:16 1 Тим. 4:7, 1 Тим. 6:20, Тит. 3:9

+ 2:17 1 Тим. 1:20

+ 2:18 1 Қӯр. 15:12

+ 2:19 Ад. 16:5, Ад. 16:26

+ 2:20 Рум. 9:21

+ 2:22 Мат. 5:9, Рум. 14:19, 1 Тим. 1:5

+ 2:23 1 Тим. 6:4

+ 2:25 Ғал. 6:1, Дон. 4:24, Аъм. 8:22

+ 2:26 1 Тим. 3:7

+ 3:1 1 Юҳ. 2:18, 1 Тим. 4:1

+ 3:2 Луқ. 16:14, 1 Тим. 6:10

+ 3:3 Рум. 1:28-31

+ 3:9 Хур. 7:12, Хур. 8:18, Хур. 9:11

+ 3:11 Аъм. 13:50, Аъм. 14:5, Аъм. 14:19, Айюб 5:19, Заб. 33:20

+ 3:12 Юҳ. 15:20, Аъм. 14:22, 1 Тас. 3:3

+ 3:13 Дон. 12:10, Ваҳй 22:11

+ 3:15 Аъм. 16:1

+ 3:16 2 Пет. 1:20-21

+ 3:17 Так. Шар. 33:1, 3 Подш. 17:21, 1 Тим. 6:11

+ 4:1 Юҳ. 5:22, Аъм. 10:42, Аъм. 17:31, 1 Пет. 4:5

+ 4:2 1 Тим. 5:20, Тит. 1:13, Тит. 2:15

+ 4:5 Марқ. 13:33-34, 1 Пет. 1:13, Эфс. 6:18, 1 Тас. 5:6, 2 Тим. 1:8, 2 Тим. 2:3

+ 4:6 Аъм. 21:13, Фпл. 2:17, 2 Пет. 1:14, Фпл. 1:23

+ 4:7 1 Тим. 6:12, Яҳ. 1:3, Аъм. 20:24

+ 4:8 Яъқ. 1:12

+ 4:10 Қӯл. 4:14, Филем. 1:23, Марқ. 4:19, 2 Қӯр. 2:13, Ғал. 2:1, Қӯл. 4:14, Филем. 1:23

+ 4:11 Аъм. 12:12, Аъм. 15:37-38, Қӯл. 4:10

+ 4:12 Аъм. 20:4, Тит. 3:12

+ 4:13 Аъм. 16:8

+ 4:14 1 Тим. 1:20, Заб. 61:13, Мас. 24:12

+ 4:17 Заб. 21:22

+ 4:19 Аъм. 18:2, Рум. 16:3, 1 Қӯр. 16:19, 2 Тим. 1:16

+ 4:20 Аъм. 20:4, Аъм. 21:29

*НОМАИ*

*ҲАВВОРИИ МУҚАДДАС ПАВЛУС*

# БА ТИТУС

1 2 3

## Ба калисоҳо бояд мардони беайб сардорӣ кунанд.

# 1

[1] Павлус, бандаи Худо ва ҳаввории Исои Масеҳ, ба ҳасби имони
баргузидагони Худо ва дониши ростие ки дар диндорист,+
[2] Ба умеди ҳаёти ҷовидонӣ, ки Худо, ки наметавонад дурӯғ
бигӯяд, онро аз азал ваъда кардааст,
[3] Ва дар замони муайян каломи Худро дар паёме зоҳир намудааст,
ки он бо амри Наҷотдиҳандаи мо Худо ба ман супурда шудааст, —+
[4] Ба Титус, фарзанди ҳақиқиам, ки ҳар дуи мо дар як имон
муштаракем, файз, марҳамат ва осоиштагӣ аз ҷониби Худои Падар ва
Наҷотдиҳандаи мо Исои Масеҳи Худованд бод+.
[5] Барои он туро дар Крит мондаам, ки корҳои нотамомро ба анҷом
расонӣ ва дар ҳамаи шаҳрҳо пиронро таъин намоӣ, чунон ки ба ту
амр фармудаам:+
[6] Агар касе беайб ва соҳиби як зан буда, фарзандони имондоре
дошта бошад, ки дар фисқу фуҷур ё беитоатӣ мазаммат нашудаанд+.
[7] Зеро ки усқуф бояд, чун муваккали Худо, беайб бошад, на
худписанд, на хашмгин, на бадмаст, на муштзӯр, на тамаъкор,+
[8] Балки меҳмоннавоз, хайрхоҳ, боисмат, боинсоф, парҳезгор,
худдор.
[9] Ӯ бояд ба каломи ҳақиқӣ, ки мувофиқи таълимот аст, қоим
бошад, то ки баъзеро бо таълимоти солим насиҳат диҳад ва
мухолифонро танбеҳ кунад.
[10] Зеро ки бисьёр касони беитоат, ёвагӯй ва фиребгар ҳастанд,
алалхусус аз байни махтунон+.
[11] Даҳонашон бояд баста шавад: онҳо хонаҳои томро фосид карда,
аз рӯи тамаи нангин, чизҳое таълим медиҳанд, ки шоиста нест+.
[12] Шоире аз байни худашон чун набие чунин гуфтааст: «Критиён
ҳамеша дурӯғгӯ ҳастанд, ва даррандагони бадкин, ва
шикампарастони танбал».
[13] Ин шаҳодат дуруст аст. Ба ин сабаб онҳоро ба таври ҷиддӣ
мазаммат намо, то ки дар имон солим бошанд,+
[14] Ва ба қиссаҳои яҳудиён ва ба аҳкоми одамоне ки аз ростӣ рӯй
мегардонанд, гӯш наандозанд+.
[15] Барои покон ҳама чиз пок аст; вале барои палидон ва беимонон
ҳеҷ чиз пок нест, балки ҳам хиради онҳо ва ҳам виҷдонашон палид

гардидааст+.
[16] Онҳо мегӯянд, ки Худоро мешиносанд, лекин бо аъмолашон Ӯро
инкор менамоянд, дар ҳолате ки зишткор ва беитоат буда, ба ҳеҷ
амали нек қобил нестанд+.

## Вазифаҳои унвонҳои ҷудогона дар калисо: пирамардон, ҷавонон ва ғуломон.

**2** 1 Валекин ту суханонеро, ки ба таълимоти солим муносиб аст,
бигӯ.
2 Ба пирамардон бигӯ, ки ҳушьёр, ботамкин ва боисмат буда, дар
имон, муҳаббат ва тоқат солим бошанд;
3 Ва пиразанон низ тавре рафтор кунанд, ки ба муқаддасон
муносиб бошад, на ғайбаткунанда шаванд, на бандагони мастигарӣ,
балки некиро таълим диҳанд,+
4 То ба ҷавонзанон ёд диҳанд, ки шавҳарон ва кӯдакони худро дӯст
доранд,
5 Боисмат, пок, ғамхори хона, некдил ва мутеъ ба шавҳарон
бошанд, мабодо каломи Худо хор дошта шавад+.
6 Ҷавононро низ насиҳат намо, ки боисмат бошанд+.
7 Дар ҳама чиз дар шахси худ намунаи аъмоли нек бош. Дар
омӯзгории худ покӣ, ботамкинӣ ва бенуқсониро зоҳир намо,+
8 Ва каломи солим ва беайбро кор фармо, то ки душман шарманда
шуда, ҳеҷ чизи баде дар ҳаққи мо гуфта натавонад+.
9 Ғуломонро насиҳат намо, ки ба оғоёни худ мутеъ бошанд, дар
ҳар хусус дили онҳоро ёбанд, эътироз накунанд,+
10 Ва дуздӣ накунанд, балки камоли вафои некро нишон диҳанд,
то ки таълимоти Наҷотдиҳандаи мо Худоро аз ҳар ҷиҳат зебу оро
диҳанд.

## Қуввати тарбиявии файзи Худо.

11 Зеро файзи Худо, ки барои ҳамаи одамон наҷотбахш аст, зоҳир
шудааст,+
12 Ва моро таълим медиҳад, ки маъсият ва шаҳавоти дуньёро рад
намуда, дар ин дуньё бо исмат, адолат ва парҳезгорӣ зиндагӣ
кунем,+
13 Ва мунтазири умеди муборак ва зуҳури ҷалоли Худои азим ва
Наҷотдиҳандаи мо Исои Масеҳ бошем,+
14 Ки Худро барои мо фидо кард, то ки моро аз ҳар шарорат халосӣ
диҳад ва барои Худ ҳамчун қавми махсусе ки дар аъмоли нек
ғаюранд, татҳир намояд+.

[15] Инро бигӯ ва насиҳат бидеҳ ва бо тамоми қудрат мазаммат бикун, то ки ҳеҷ кас ба ту беэътиноӣ накунад+.

## Онҳое ки ба Исо бар ҳасби файз имон доранд, ворисони ҳаёти ҷовидонӣ шудаанд.

**3** 1 Ба онҳо хотиррасон бикун, ки ба сарварон ва ҳукуматдорон
фармонбардорӣ ва итоат намоянд, барои ҳар амали нек тайёр
бошанд,+
2 Дар ҳаққи ҳеҷ кас бадгӯӣ накунанд, ҷангара набошанд, балки
сокит буда, ба ҳамаи одамон бо камоли фурӯтанӣ рафтор намоянд+.
3 Зеро ки мо низ як вақте бемулоҳиза, беитоат, гумроҳ ва
бандагони ҳавасҳо ва ҳаловатҳои гуногун будем, бо кина ва ҳасад
умр ба сар мебурдем ва мутанаффири дигарон буда, аз якдигар
нафрат доштем+.
4 Аммо вақте ки файз ва одамдӯстии Наҷотдиҳандаи мо Худо
зоҳир шуд, —
5 Ӯ моро на бар тибқи аъмоли одилонае ки мо мекардем, балки ба
ҳасби марҳамати Худ наҷот дод, ба василаи ғусли таваллуди дубора
ва таҷдиде ки аз Рӯҳулқудс аст+.
6 Онро бар мо ба воситаи Исои Масеҳи Наҷотдиҳандаи мо ба
фаровонӣ бирехт,+
7 То ки мо, бо файзи Ӯ сафед шуда, ба ҳасби умед ворисони ҳаёти
ҷовидонӣ гардем+.
8 Дуруст аст ин сухан, ва ман мехоҳам, ки ту дар он қоим бошӣ, то
онҳое ки ба Худо имон овардаанд, саъю кӯшиш намоянд, ки дар
аъмоли нек муваффақият ёбанд: ин барои одамон хуб ва фоиданок
аст+.

## Муносибат ба муаллимони козиб.

9 Валекин аз мубоҳисаҳои аблаҳона ва насабномаҳо ва мунозира
ва ҷанҷолҳои оид ба шариат рӯй гардон, зеро ки онҳо бефоида ва
ҳеҷу пуч мебошанд+.
10 Аз шахси бидъаткор, баъд аз он ки як-ду бор насиҳат додаӣ,
канорагирӣ намо,+
11 Чун медонӣ, ки чунин шахс гумроҳ шудааст ва гуноҳ карда,
худро маҳкум менамояд.

### Супоришҳо ва саломҳо.

12 Вақте ки Артемос ё Тӯхикӯсро назди ту равона кунам, саъю
кӯшиш намо, ки ба Никӯпӯлис назди ман биёӣ, зеро ки қарор додаам
зимистонро дар он ҷо гузаронам+.
13 Зеноси қонундон ва Апӯллӯсро бо ғамхорӣ ба сафар тайёр намо,
то ки аз ҳеҷ чиз камӣ надошта бошанд+.
14 Бигзор одамони мо низ таълим гиранд, ки машғули аъмоли нек
бошанд, то ки эҳтиёҷоти зарурииро қонеъ намоянд ва бесамар
набошанд+.
15 Ҳамаи онҳое ки бо мананд, ба ту салом мерасонанд. Ба онҳое ки
моро дар имон дӯст медоранд, салом расон. Файз бо ҳамаи шумо бод.
Омин.

---

+ 1:1 Марқ. 13:20, Луқ. 18:7, Рум. 8:33, Қӯл. 3:12, 1 Тим. 2:4, Луқ. 1:69-70, Рум. 1:2, Ад. 23:19, 1 Подш. 15:29

+ 1:3 1 Тим. 2:6, 1 Тим. 6:15, 1 Тим. 1:11

+ 1:4 1 Тим. 1:2, 2 Тим. 1:2

+ 1:5 Аъм. 14:23

+ 1:6 1 Тим. 3:2-4

+ 1:7 1 Пет. 5:2, 1 Тим. 3:8

+ 1:10 1 Тим. 1:6, Аъм. 11:2, Ғал. 2:12

+ 1:11 2 Пет. 2:3, 1 Тим. 6:5

+ 1:13 1 Тим. 5:20, 2 Тим. 4:2, Тит. 2:15

+ 1:14 1 Тим. 1:4

+ 1:15 Марқ. 7:15-16, Аъм. 10:15, Рум. 14:20, 1 Тим. 4:3-4

+ 1:16 1 Юҳ. 2:4

+ 2:3 1 Тим. 3:11

+ 2:5 Ҳас. 3:16, 1 Пет. 3:1-2, Эфс. 5:22, 1 Тим. 2:11

+ 2:6 1 Тим. 5:1

+ 2:7 1 Пет. 5:3, Фпл. 3:17, 2 Тас. 3:9, 1 Тим. 4:12

+ 2:8 1 Тим. 5:14

+ 2:9 1 Пет. 2:18, Эфс. 6:5, Қӯл. 3:22, 1 Тим. 6:1

+ 2:11 1 Тим. 2:4

+ 2:12 1 Пет. 4:2

+ 2:13 2 Пет. 1:1, Ибр. 9:28

+ 2:14 Эфс. 2:10, Тит. 3:8, Мат. 20:28

+ 2:15 Тит. 1:13, 1 Тим. 4:12

+ 3:1 1 Пет. 2:13, Рум. 13:1

+ 3:2 1 Тим. 3:3

+ 3:3 Юҳ. 8:34, 2 Пет. 2:19, Рум. 6:16-20

+ 3:5 Рум. 3:27, Эфс. 2:4, Эфс. 2:8, 2 Тим. 1:9, Юҳ. 13:8, 1 Қӯр. 6:11, Эфс. 5:26, Ибр. 10:22, Юҳ. 3:3, 1 Пет. 1:3, Эфс. 2:5

+ 3:6 Аъм. 2:33, Аъм. 10:45, Рум. 5:5

+ 3:7 Аъм. 15:11, Рум. 3:24, Эфс. 2:8, Тит. 2:11, Рум. 8:17

+ 3:8 1 Тим. 1:15, 2 Тим. 2:11, Эфс. 2:10, Тит. 2:14

+ 3:9 1 Тим. 1:4, 2 Тим. 2:14, 2 Тим. 2:16

+ 3:10 Мат. 18:15-17

+ 3:12 Аъм. 20:4, 2 Тим. 4:12

+ 3:13 Аъм. 18:24, 1 Қӯр. 1:12

+ 3:14 2 Пет. 1:8

*НОМАИ*

*ҲАВВОРИИ МУҚАДДАС ПАВЛУС*

# БА ФИЛЕМӮН

1

## Таъсири неки Филемӯн ба имондорон.

# 1

1 Павлус, бандаи Исои Масеҳ, ва Тимотиюси бародар, ба
Филемӯни маҳбуб ва ҳамкори мо,+
2 Ва ба Апияи маҳбуба, ва ба Архипуси ҳамсафи мо, ва ба калисое
ки дар хонаи туст:+
3 Файз ва осоиштагӣ аз ҷониби Падари мо Худо ва Исои Масеҳи
Худованд бар шумо бод.
4 Худои худро шукргузорӣ менамоям ва ҳамеша туро дар дуоҳои
худ зикр мекунам,+
5 Чун дар бораи муҳаббати ту ба ҳамаи муқаддасон ва имоне ки ба
Исои Худованд дорӣ, мешунавам, —
6 Дуои ман ин аст, ки муоширати имони ту чунон таъсирбахш
бошад, ки беҳтар бидонӣ ҳар некие ки дар мо барои Исои Масеҳ
мебошад, чист+.
7 Зеро ки мо аз муҳаббати ту шодӣ ва тасаллои бузурге пайдо
кардем, чунки ба туфайли ту, эй бародар, дилҳои муқаддасон осуда
шудааст.

## Шафоат барои Онисимуси ғулом, ки аз пеши Филемӯн гурехта буд, вале алҳол ислоҳ шудааст.

8 Бинобар ин, агарчи дар Масеҳ ҷуръати зиёде дорам, ки
вазифаатро ба ту амр фармоям,+
9 Аммо бештар аз рӯи муҳаббат хоҳиш менамоям, — гарчанде ки
ман Павлуси пиронсол ва алҳол бандаи Исои Масеҳ низ ҳастам, —
10 Аз ту дар хусуси фарзанди худ Онисимус хоҳиш менамоям, ки
ӯро дар вақте ки дар занҷирҳо будам, ба дунъё овардаам,+
11 Ки як вақте ӯ барои ту муфид набуд, вале акнун ҳам барои ту
муфид аст, ҳам барои ман; ӯро назди ту бармегардонам,
12 Ва ту ӯро ҳамчун дили ман пазирой намо.
13 Мехостам ӯро назди худ нигоҳ дорам, то ки ба ҷои ту ба ман дар
занҷирҳои башорат хизмат кунад;
14 Лекин бе розигии ту нахостам коре бикунам, то ки амали неки
ту на ба таври маҷбурӣ, балки ба таври ихтиёрӣ бошад.
15 Зеро, шояд, ӯ барои он муваққатан аз ту ҷудо шуда бошад, ки ту
ӯро ба сурати абадӣ қабул кунӣ,

16 Ва акнун на ҳамчун ғуломе, балки аз ғулом болотар, яъне
ҳамчун бародари маҳбубе. Ӯ алалхусус барои ман, зиёдтар аз он ҳам
барои ту, ҳам ба унвони ҷисм ва ҳам дар Худованд бояд маҳбуб
бошад+.
17 Пас, агар ту маро шарики худ бидонӣ, ӯро мисли ман пазирой
намо.
18 Аммо агар ӯ осебе ба ту расонда бошад, ва ё чизе ба гарданаш
дайн бошад, онро ба ман ҳисоб кун.
19 Ман, ки Павлус ҳастам, бо дасти худ менависам: худам талофӣ
хоҳам дод; ҳоло онро ба ту намегӯям, ки ту барои вуҷудат низ
мадьюни ман ҳастӣ+.
20 Бале, эй бародар, бигзор, ки аз ту дар Худованд хурсанд шавам:
дили маро дар Худованд осуда намо.
21 Ба умеди фармонбардории ту ман ба ту менависам, чун
медонам, ки аз гуфтаи ман зиёдтар ҳам хоҳӣ кард.

## Салом ба имондорон.

22 Дар баробари ин барои ман хонае низ муҳайё бикун, зеро
умедворам, ки ба ҳасби дуоҳоятон ба шумо ато хоҳам шуд.
23 Эпафрос, ки бо ман ба хотири Исои Масеҳ бандӣ мебошад, ва
Марқӯс, ва Ористархус, ва Димос, ва Луқос, ки ҳамкорони мананд, ба
ту салом мерасонанд++.
24 Файзи Худованди мо Исои Масеҳ бо рӯҳи шумо бод. Омин.

---

+ 1:1 Эфс. 3:1, Фпл. 1:7, Аъм. 16:1

+ 1:2 Қӯл. 4:17

+ 1:4 Рум. 1:8-9

+ 1:6 Фпл. 1:9, Қӯл. 1:9

+ 1:8 1 Тас. 2:6-7

+ 1:10 1 Қӯр. 4:15, Қӯл. 4:9

+ 1:16 Мат. 23:8, 1 Қӯр. 7:22, Қӯл. 4:9

+ 1:19 1 Қӯр. 16:21, Ғал. 6:11, Қӯл. 4:18, 2 Тас. 3:17

+ 1:23 Қӯл. 1:7, Қӯл. 4:12

+ 1:23 Аъм. 27:2, Қӯл. 4:10, Қӯл. 4:14, 2 Тим. 4:10

*НОМА*

**БА ИБРИЁН**


1 2 3 4 5 6 7 8 9 10

11 12 13

## Ваҳйи хотимавии Худо дар Писар.

1 [1] Худое ки аз қадимулайём борҳо ва ба тарзи гуногун ба
падарони мо ба василаи анбиё сухан рондааст,
[2] Дар ин айёми охир ба мо ба василаи Писараш сухан ронд, ки Ӯро
вориси ҳама чиз таъин намуд ва оламҳоро низ ба воситаи Ӯ ба вуҷуд
овард+.
[3] Писараш, ки дурахши ҷалол ва мазҳари моҳияти Ӯ буда, ҳама
чизро бо каломи қуввати Худ нигоҳ доштааст, чун татҳири гуноҳҳои
моро ба амал овард, ба ямини Кибриё дар афроз нишаст,+

## Бартарии Исо аз фариштагон.

[4] Ва чӣ қадаре ки аз фариштагон бартарӣ пайдо кард, ҳамон қадар
аз онҳо исми аълотаре мерос гирифтааст+.
[5] Зеро ба кадоме аз фариштагон Худо ягон вақт гуфтааст:
«Ту Писари Ман ҳастӣ;
Ман имрӯз Падари Ту шудаам»?
Ва боз:
«Ман ба Ӯ Падар хоҳам буд,
ва Ӯ ба Ман Писар хоҳад буд»+?
[6] Ва боз, вақте ки Нахустзодаро ба ҷаҳон дохил мекунад, мегӯяд:
«Ва бигзор ҳамаи фариштагони Худо Ӯро парастиш кунанд»+.
[7] Дар бораи фариштагон гуфта шудааст:
«Фариштагони Худро ба бодҳо табдил медиҳад
ва хизматгорони Худро ба оташи сӯзон»+.
[8] Аммо дар бораи Писараш гуфта шудааст:
«Тахти Ту, эй Худо, то абад аст,
ва асои садоқат асои салтанати Туст.
[9] Адолатро дӯст дошта, аз шарорат нафрат дорӣ.
Бинобар ин Худо, Худои Ту, Туро бо равғани шодмонӣ бештар аз
рафиқонат тадҳин кардааст»+.
[10] Ва боз:
«Дар замони қадим Ту, эй Худованд, заминро буньёд кардаӣ, ва
осмон амали дастҳои Туст.
[11] Онҳо фано хоҳанд шуд, валекин Ту қоим хоҳӣ буд;
ва ҳамаашон мисли ҷомае

ҷиғда-ҷиғда хоҳанд шуд,
12 Мисли пероҳане онҳоро хоҳӣ печонид,
ва онҳо мубаддал хоҳанд шуд.
Валекин Ту айни ҳамон ҳастӣ,
ва солҳои Ту тамом нахоҳад шуд»+.
13 Ба кадоме аз фариштагон Худо ягон вақт гуфтааст:
«Ба ямини Ман бинишин,
то душманони Туро зери пои Ту андозам»+?
14 Оё ҳамаи онҳо рӯҳҳои хизматгузор нестанд, ки барои хизмати
онҳое фиристода мешаванд, ки ворисi наҷот хоҳанд шуд+?

## Агар ба шариати Аҳди Қадим мутеӣ муносиб омада бошад, он боз ҳам зиёдтар ба Каломи Масеҳ муносиб аст.

2 [1] Бинобар ин мо бояд ба он чи шунидаем, махсусан бодиққат
бошем, то ки аз он дур нашавем.
[2] Зеро, агар каломе ки ба василаи фариштагон гуфта шудааст,
матин буда, барои ҳар ҷиноят ва беитоатӣ подоши одилона дода
шуда бошад,
[3] Чӣ гуна мо халос мешавем, агар ба чунин наҷоти бузург
беэътиноӣ кунем, ки онро аввал Худованд мавъиза намуд ва баъд
онҳое ки аз Ӯ шунидаанд, дар миёни мо тасдиқ кардаанд,
[4] Ва Худо низ ба он шаҳодат дод ба воситаи аломот ва мӯъҷизот, ва
ҳар навъ қувваҳо, ва бахшоиши Рӯҳулқудс ба ҳасби иродаи Худ+?

## Масеҳ ба воситаи залолат ва мамот бар мамот ғолиб омад.

[5] Зеро олами ояндаро, ки дар бораи он сухан меронем, Худо ба
фариштагон мутеъ накардааст,+
[6] Балки касе дар ҷое шаҳодат дода, гуфтааст:
«Чист инсон, ки ӯро ёд кунӣ,
ва фарзанди одам, ки ӯро тафаққуд намоӣ?
[7] Ӯро аз фариштагон фақат андак кам кардаӣ;
ва тоҷи ҷалол ва шавкат бар сари ӯ гузоштаӣ;
ӯро бар аъмоли дастҳои Худ ҳукмфармо кардаӣ;
[8] Ҳама чизро зери пои ӯ гузоштаӣ». Модоме ки ҳама чизро ба ӯ
мутеъ кардааст, пас ҳеҷ чизе намондааст, ки мутеи ӯ набошад. Вале
ҳоло ҳанӯз намебинем, ки ҳама чиз мутеи ӯ бошад;+
[9] Балки мебинем, ки Исо, ки аз фариштагон андак кам карда шуда
буд, ба сабаби азоби мамот алҳол тоҷи ҷалол ва шавкат бар сар
дорад, то ки ба ҳасби файзи Худо зоиқаи мамотро барои ҳама
бичашад+.
[10] Зеро лозим буд, ки Ӯ, ки ҳама чиз барои Ӯст ва ҳама чиз аз Ӯст,
барои ин ки фарзандони бисьёрро ба ҷалол бирасонад, Пешвои
наҷоти онҳоро ба воситаи уқубатҳо комил гардонад+.
[11] Зеро ки ҳам Тақдискунанда ва ҳам тақдисшавандагон, ҳама аз
Ягона ҳастанд; ба ин сабаб Ӯ ор намекунад, ки онҳоро бародар хонад,
ва мегӯяд:+

[12] «Исми Туро ба бародаронам шӯҳрат хоҳам дод,
дар миёни ҷамоат Туро мадҳ хоҳам кард»+.
[13] Ва боз:
«Ман ба Ӯ таваккал хоҳам кард».
Ва боз:
«Инак, Ман ва фарзандоне ки Худо ба Ман додааст»+.
[14] Ва азбаски фарзандон ба ҷисм ва хун шарокат доранд, Ӯ низ
шарики инҳо гардид, то ки ба воситаи мамот соҳиби қудрати
мамотро, яъне иблисро нобуд намояд+.
[15] Ва онҳоеро, ки аз тарси мамот тамоми умри худ гирифтори
ғуломӣ буданд, халосӣ диҳад.
[16] Зеро ки Ӯ фариштагонро дастгирӣ накардааст, балки насли
Иброҳимро дастгирӣ кардааст.
[17] Бинобар ин Ӯ мебоист аз ҳар ҷиҳат ба бародарони Худ монанд
мешуд, то ки Саркоҳини раҳим ва амине ба ҳузури Худо бошад,
барои он ки гуноҳҳои қавмро кафорат кунад,+
[18] Зеро, чӣ тавре ки Худи Ӯ аз озмоиш гузашта, уқубат кашидааст,
ба озмудашавандагон низ метавонад мадад расонад+.

## Бартарии Исо аз Мусо.

3 [1] Пас, эй бародарони муқаддас, ки дар даъвати осмонӣ шарик
ҳастед, ба Расул ва Саркоҳини эътирофи мо — Исои Масеҳ назар
дӯзед,
[2] Ки Ӯ ба Он ки Ӯро таъин намуд, амин буд, чунон ки Мусо низ дар
тамоми хонаи Ӯ амин буд+.
[3] Зеро Ӯ нисбат ба Мусо сазовори ҷалоли бештаре гардид, чунки
меъмори ҳона, назар ба худи ҳона, эҳтироми бештаре дорад;
[4] Зеро ки ҳар хона меъмори худро дорад, валекин меъмори ҳама
чиз Худост.
[5] Ва Мусо дар тамоми ҳонаи Ӯ мисли хизматгузор амин буд, то
шаҳодат диҳад дар бораи чизҳое ки дар оянда бояд гуфта шавад+.
[6] Аммо Масеҳ мисли Писар аст бар ҳонаи Ӯ; ва ҳонаи Ӯ мо ҳастем,
ба шарте ки ҷуръат ва фахри умедро то ба охир боматонат нигоҳ
дорем.

## Мисоли Исроили замони Мусо аз шахшудамондагӣ ва якравӣ огоҳ менамояд.

[7] Бинобар ин, чунон ки Рӯҳулқудс мегӯяд, «имрӯз агар овози Ӯро
бишнавед,
[8] Дилҳои худро сахт накунед, мисли замони ошӯб, мисли рӯзи
озмоиш дар биёбон,
[9] Ки дар он ҷо падарони шумо Маро озмуданд; Маро имтиҳон
карданд, агарчи аъмоли Маро чил сол дида буданд.
[10] Ба ин сабаб бар ин насл дарғазаб шудам ва гуфтам:
ҳамеша дилашон гумроҳ мешавад, ва роҳҳои Маро нафаҳмидаанд;
[11] Ва Ман дар ғазаби Худ қасам хӯрдам, ки онҳо ба оромии Ман доҳил
нахоҳанд шуд»+.
[12] Эй бародарон, бохабар бошед, ки касе аз шумо дили шарир ва
беимоне ки аз Худои Ҳай рӯй мегардонад, надошта бошад,
[13] Балки якдигарро ҳар рӯз насиҳат диҳед, то даме ки «имрӯз»
гуфта мешавад, ки касе аз шумо ба фиребҳои гуноҳ афтода, саҳтдил
нашавад.
[14] Зеро ки мо шарикони Масеҳ гардидаем, ба шарте ки асоси
эътимоди худро то ба охир боматонат нигоҳ дорем,

15 Чунон ки гуфта мешавад:
«Имрӯз, агар овози Ӯро бишнавед,
дилҳои худро сахт накунед, мисли замони ошӯб»+.
16 Зеро киҳо буданд, ки шунида, ошӯб бардоштанд? Оё на ҳамаи
онҳое ки ба туфайли Мусо аз Миср берун омада буданд+?
17 Ва бар киҳо Ӯ чил сол дар ғазаб шуд? Оё на бар осиёне ки
ҷасадҳошон дар биёбон фурӯ ғалтид+?
18 Ва дар ҳаққи киҳо Ӯ қасам хӯрд, ки ба оромии Ӯ дохил нахоҳанд
шуд? Оё на дар ҳаққи онҳое ки беитоатӣ карданд+?
19 Ва мо мебинем, ки онҳо аз боиси беимонӣ натавонистанд дохил
шаванд+.

## Оромие ки дар каломи Худо дар Аҳди Кадим ваъда карда шуда буд, ҳоло ба воситаи Масеҳ ба қавми Худо ошкор шудааст.

**4** 1 Пас, дар сурате ки ваъдаи дохилшавӣ ба оромии Ӯ ҳанӯз боқист, мо хавотир хоҳем дошт, мабодо маълум гардад, ки касе аз шумо муваффақ нашудааст+.

2 Зеро ки башорат ба мо низ, чунон ки ба онҳо, мавъиза карда шуд; аммо ба онҳо каломе ки шуниданд, фоидае набахшид, чунки бо имони шунавандагон напайваст.

3 Зеро мо, ки имон овардаем, ба он оромӣ дохил хоҳем шуд, чунон ки Ӯ гуфтааст:

«Ман дар ғазаби Худ қасам хӯрдам, ки онҳо ба оромии Ман дохил нахоҳанд шуд», гарчанде ки корҳои Ӯ аз хилқати олам анҷом ёфта буд+.

4 Зеро ки дар ҷое дар бораи рӯзи ҳафтум чунин гуфта шудааст: «Ва Худо дар рӯзи ҳафтум аз ҳамаи корҳои Худ ором гирифт»+.

5 Ва боз дар ин ҷо: «Онҳо ба оромии Ман дохил нахоҳанд шуд»+.

6 Пас, дар сурате ки баъзе касон имконият доранд ба он дохил шаванд, вале онҳое ки башорат барояшон пештар мавъиза карда шуда буд, аз боиси беитоатӣ дохил нашуданд, —+

7 Боз Ӯ рӯзеро муайян намуда, баъд аз муддати дуру дарозе ба воситаи Довуд «имрӯз» мегӯяд, чунон ки дар боло гуфта шудааст:
«Имрӯз, агар овози Ӯро бишнавед,
дилҳои худро сахт накунед»+.

8 Зеро, агар Еҳушаъ ба онҳо оромӣ медод, баъд аз ин дар бораи рӯзи дигар сухан ронда намешуд+.

9 Пас, барои қавми Худо боз оромии шанбе боқӣ мемонад.

10 Зеро, касе ки ба оромии Ӯ дохил шудааст, худаш низ аз корҳои худ ором гирифтааст, чунон ки Худо аз корҳои Худ.

11 Пас, саъю кӯшиш намоем, ки ба он оромӣ дохил шавем, мабодо касе гирифтори он беитоатии ибратомез шуда, фурӯ ғалтад.

12 Зеро ки каломи Худо зинда ва таъсирбахш ва аз ҳар шамшери дудама тезтар аст, ва то ба ҳадди ҷудо кардани ҷон ва рӯҳ, буғумҳо ва иликҳо рафта мерасад, ва андеша ва ниятҳои дилро месанҷад+.

13 Ва ҳеҷ махлуқе нест, ки аз Ӯ ниҳон бошад, балки ҳама чиз пеши
чашмони Ӯ бараҳна ва ошкор аст: ба Ӯ ҳисобот хоҳем дод+.

## Масеҳ, ҳамчун Саркоҳини ҳақиқӣ, аз ҷониби Худо таъин шудааст; Ӯ аз Ҳорун болотар аст.

14 Пас мо, ки чунин Саркоҳини бузурге дорем, ки афлокро тай
намудааст, ва Ӯ Масеҳи Писари Худост, эътирофи худро боматонат
нигоҳ дорем+.
15 Зеро мо чунон саркоҳин надорем, ки дар заъфҳои мо натавонад
ба мо дилсӯзӣ намояд, балки Ӯ монанди мо, дар ҳама чиз озмудаи
васвасае шуд, вале гуноҳ накард+.
16 Бинобар ин бо ҷуръат ба тахти файз наздик оем, то ки марҳамат
ба даст оварем ва барои мадади саридарвақт файз ёбем+.

## Масеҳ Саркоҳин аст ба монанди Малкисодақ.

5 1 Зеро ҳар саркоҳине ки аз миёни одамон интихоб шудааст, барои одамон ба хизмати Худо гузошта мешавад, то ки барои гуноҳҳо ҳадия ва қурбониҳо тақдим кунад,+

2 Ки вай метавонад ба ҷоҳилон ва гумроҳон ғамхорӣ намояд, чунки худаш низ гирифтори заъф аст,+

3 Ва ба ин сабаб бояд ҳам барои қавм ва ҳам барои худаш қурбонии гуноҳҳоро тақдим кунад+.

4 Ва ҳеҷ кас худ аз худ ин мартабаро соҳиб намешавад, балки фақат вақте ки аз ҷониби Худо даъват шавад, чунон ки Ҳорун низ+.

5 Ҳамчунин Масеҳ низ ҷалоли Саркоҳинро Худаш аз они Худ накардааст, балки Он ки ба Ӯ гуфтааст:
«Ту Писари Ман ҳастӣ;
Ман имрӯз Падари Ту шудаам»;+

6 Чунон ки дар ҷои дигар низ мегӯяд:
«Ту коҳин ҳастӣ то абад,
ба монанди Малкисодақ»+.

7 Дар айёме ки Ӯ дар ҷисм буд, ба Он ки метавонист Ӯро аз мамот наҷот диҳад, бо фиғони пурзӯр ва бо ашкрезӣ дуо ва тазарруъ намуд, ва ба хотири таъзиму такрими Худ иҷобат карда шуд,+

8 Ва агарчи Писар буд, ба василаи уқубатҳо ба итоат омӯхта шуд,+

9 Ва камол ёфта, барои ҳамаи мутеони Худ сабабгори наҷоти ҷовидонӣ гардид,+

10 Ва Худо Ӯро Саркоҳине ба монанди Малкисодақ ном ниҳод.

## Дар бораи норасогии мийяи шунавандагон.

11 Дар ин хусус мебоист бисьёр суҳан меронем, лекин фаҳмондани он душвор аст, чунки гӯшҳои шумо вазнин шудааст+.

12 Зеро, мувофиқи дарозии замон, мебоист шумо муаллим мешудед, лекин аз нав ба шумо асосҳои аввалини каломи Худоро таълим додан лозим меояд, ва барои шумо шир даркор аст, на ғизои сахт+.

13 Зеро ҳар кӣ ширхӯр аст, аз каломи адолат бехабар аст, чунки кӯдак аст;

14 Вале ғизои сахт барои касонест, ки ба камол расидаанд, ки ҳиссиёташон ба василаи малака ба фарқ кардани неку бад омӯхта шудааст+.

## Имондорон ба воситаи пурсабрӣ вориси ваъдаҳои Худо мегарданд.

6 1 Бинобар ин, таълимоти ибтидоии Масеҳро монда, сӯи камол
шитоб кунем ва аз нав асос нагузорем ба тавба аз аъмоли беҷон ва
ба имон ба Худо,+
2 Ба таълимоти оид ба таъмидҳо, оид ба гузоштани дастҳо, оид ба
эҳьёи мурдагон ва оид ба доварии ҷовидонӣ+.
3 Ва инро ба амал хоҳем овард, ба шарте ки Худо изн диҳад.
4 Зеро касоне ки боре фикрашон равшан шудааст, ва бахшоиши
осмониро чашидаанд, ва шарикони Рӯҳулқудс гардидаанд,+
5 Ва каломи неки Худо ва қувваҳои оламиояндаро чашидаанд,
6 Ва ҷудо шуда афтодаанд, — онҳоро аз нав ба роҳи тавба андохтан
имконнопазир аст, зеро онҳо Писари Худоро ба зарари худашон боз
маслуб мекунанд ва беобрӯ месозанд.
7 Зеро замине ки борҳо борони бар он боридаро мехӯрад ва барои
онҳое ки онро кор мекунанд, набототи фоиданоке мерӯёнад, — аз
Худо баракат меёбад;
8 Вале замине ки хору хас мерӯёнад, нобоб буда, ба лаънат наздик
аст, ва фарҷоми он сӯхтан аст+.
9 Аммо дар хусуси шумо, эй маҳбубон, мо яқин дорем, ки шумо
дар холати беҳтар ва ба наҷот наздике мебошед, гарчанде ки ин гуна
сухан меронем.
10 Зеро Худо беадолат нест, ки кори шуморо, ва он меҳнати
муҳаббатеро, ки ба исми Ӯ зоҳир намуда, ба муқаддасон хизмат
кардаед ва мекунед, фаромӯш кунад+.
11 Лекин орзумандем, ки ҳар яке аз шумо ҳамин ғайратро то ба
охир нишон диҳед, то ки умедатон комилан ҳосил шавад;+
12 То ки шумо танбал нашавед, балки ба касоне тақлид кунед, ки ба
василаи имон ва пурсабрӣ вориси ваъдаҳо мегарданд+.
13 Зеро, вақте ки Худо ба Иброҳим ваъда дод, азбаски ба каси
бузургтаре наметавонист қасам ёд кунад, ба Зоти Худ қасам ёд кард+
14 Ва гуфт: «Ҳақиқатан туро бисьёр баракат хоҳам дод ва туро
бағоят афзун хоҳам кард»+.
15 Ва Иброҳим бо пурсабрии худ ба он ваъда ноил гардид.

[16] Зеро ки одамон бо он чи бузургтар аст, қасам ёд мекунанд, ва
қасам исботест, ки ба ҳар мунозираи онҳо хотима медиҳад+.
[17] Бинобар ин Худо, ки мехост тағйирнопазирии иродаи Худро ба
ворисони ваъда пурратар нишон диҳад, қасамро ба кор бурд,+
[18] То бо ду чизи тағйирнопазир, ки дар онҳо дурӯғ гуфтани Худо
мумкин нест, барои мо, ки паноҳ ёфтаем ва ба умеде ки пешниҳод
шудааст, часпидаем, тасаллои пурзӯре бошад+.
[19] Он умед барои ҷон мисли лангари боэътимод ва мустаҳкам аст,
ва андаруни парда дохил мешавад,+
[20] Ки ба он ҷо пешгузаштаи мо — Исо дохил шуда, то абад
Саркоҳин гардид ба монанди Малкисодақ+.

## Масеҳ Коҳин аст ба монанди Малкисодақ, ва Ӯ аз коҳинони левизода болотар аст.

**7** 1 Зеро ки Малкисодақ, подшоҳи Салим, коҳини Худои Таоло, —
ҳамон касе ки ба пешвози Иброҳим баромад ва ӯро баракат дод,
вақте ки ӯ баъд аз шикаст додани подшоҳон бармегашт,
2 Ва Иброҳим ба вай аз ҳар чиз даҳьяк дод, — вай, аввалан,
мувофиқи маънои номаш подшоҳи адолат аст ва сонӣ подшоҳи
Салим низ, яъне подшоҳи осоиштагӣ,+
3 Бе падар, бе модар, бе насабнома, дар ҳолате ки на ибтидои айём
дорад, на интиҳои ҳаёт, балки ба Писари Худо монанд буда, ба
сурати абадӣ коҳин мемонад.
4 Пас бубинед, чӣ гуна бузург аст он касе ки Иброҳими сарқабила
низ ба вай аз беҳтарин ғанимати худ даҳьяк дод.
5 Онҳое ки аз миёни фарзандони Левӣ каҳонат пайдо мекунанд,
ҳукм доранд, ки мувофиқи шариат аз қавм, аз бародарони худ даҳьяк
ситонанд, гарчанде ки онҳо низ аз камари Иброҳим ба вуҷуд
омадаанд+.
6 Аммо ин касе ки аз авлоди онҳо ба вуҷуд наомадааст, аз
Иброҳим даҳьяк гирифт ва соҳиби ваъдаро баракат дод+.
7 Тамоман баҳснопазир аст, ки хурд аз ҷониби бузург баракат дода
мешавад.
8 Ва дар ин ҷо одамони миранда даҳьяк меситонанд, лекин дар он
ҷо Он ки дар ҳаққи Вай шаҳодат дорад, ки Ӯ зинда аст.
9 Ва, гуфтан мумкин, худи Левӣ, ки даҳьяк меситонад, ба воситаи
Иброҳим даҳьяк дод:
10 Зеро ки ӯ ҳанӯз дар камари падар буд, вақте ки Малкисодақ ба
пешвози Иброҳим баромад.

## Каҳонати левизодагон тамом шудааст; Масеҳ Саркоҳин аст то абад.

11 Пас, агар камол ба василаи каҳонати Левӣ муяссар мешуд, —
зеро ки шариат дар он айём ба қавм расид, — боз чӣ ҳоҷат буд, ки
коҳини дигаре ба монанди Малкисодақ ба майдон ояд, ва ба монанди
Ҳорун номида нашавад?

12 Зеро ки дар баробари дигаргунии каҳонат дигаргунии шариат
низ зарур мешавад.
13 Зеро Он ки дар ҳаққи Ӯ ин сухан гуфта мешавад, ба сибти дигаре
мансуб буд, ки аз он ҳеҷ кас хизмати курбонгоҳро ба ҷо наовардааст;
14 Зеро маълум аст, ки Худованди мо аз сибти Яҳудо тулӯъ намуд,
ки Мусо дар бораи он оид ба каҳонат чизе нагуфтааст+.
15 Ва ин боз ҳам равшантар дида мешавад, ки агар ба монанди
Малкисодақ коҳини дигаре ба майдон ояд,
16 Ки вай на бар тибқи қонуни як мизони ҷисмонӣ, балки ба ҳасби
қуввати як ҳаёти бепоён чунин шуда бошад.
17 Зеро ки шаҳодат дода шудааст:
«Ту коҳин ҳастӣ то абад,
ба монанди Малкисодақ»+.
18 Зеро ки ҳукми пештара, ба сабаби заъф ва бефоидагии он, ботил
мешавад,+
19 Чунки шариат ҳеҷ чизро ба камол нарасондааст; лекин умеди
беҳтаре ҷои онро гирифт, ки ба васила и он мо ба Худо наздик
меоем+.
20 Ва ин умед бе қасам нест, —
21 Зеро ки онҳо бе қасам коҳин шудаанд, аммо Ӯ бо қасам, чунки
дар ҳаққи Ӯ гуфта шудааст:
«Худованд қасам хӯрдааст,
ва таассуф нахоҳад хӯрд:
Ту коҳин ҳастӣ то абад, ба монанди Малкисодақ», —+
22 Бинобар ин ба аҳди беҳтаре Исо зомин шуд+.
23 Ва он коҳинон бисьёр буданд, чунки мамот намегузошт, ки боқӣ
монанд;
24 Аммо Ӯ, ки то абад боқист, каҳонати бефано дорад,
25 Ва ба ин сабаб низ метавонад доимо онҳоеро, ки ба василаи Ӯ
сӯи Худо меоянд, наҷот диҳад, зеро ҳамеша зинда аст, то ки барои
онҳо шафоат кунад+.
26 Зеро ки мо ба чунин Саркоҳин эҳтиёҷ дорем: муқаддас, аз бадӣ
дур, беайб, аз гуноҳкорон ҷудо ва аз афлок болотар баромада,+
27 Ки эҳтиёҷ надорад ҳар рӯз, мисли он саркоҳинон, аввал барои
гуноҳҳои худаш, баъд барои гуноҳҳои қавм қурбониҳо тақдим кунад,

зеро ки инро Ӯ як бор ба амал овард, вақте ки Худро ба унвони қурбонӣ тақдим кард+.
[28] Зеро ки шариат одамони гирифтори заъфро коҳин таъин мекунад, вале каломи қасам, ки баъд аз шариат омад, Писареро, ки то абад комил шудааст, таъин кард+.

## Саркоҳини абадӣ, назар ба саркоҳинони Аҳди Қадим, маснади баландтаре дорад; Ӯ Шафоатгари Аҳди Ҷадид аст.

# 8

1 Дар он чи гуфта шуд, чизи асосӣ ин аст; мо чунон Саркоҳине
дорем, ки Ӯ ба ямини тахти Кибриё дар афлок нишастааст,+
2 Ва хизматгузори қудс ва хаймаи ҳақиқӣ мебошад, ки онро
Худованд барпо кардааст, на одамизод+.
3 Зеро ки ҳар саркоҳин барои тақдим кардани ҳадия ва қурбониҳо
таъин мешавад; бинобар ин лозим буд, ки Ӯ низ чизе барои тақдим
кардан дошта бошад+.
4 Пас, агар Ӯ бар замин мемонд, коҳин ҳам намешуд, чунки дар ин
ҷо коҳиноне ҳастанд, ки ба ҳасби шариат ҳадияҳо тақдим
менамоянд,
5 Ва онҳо ба сурат ва сояи чизҳои осмонӣ хизмат мекунанд, чунон
ки ба Мусо гуфта шуда буд, вақте ки ӯ ба сохтани ҳайма шурӯъ
менамуд: «Бохабар бош», гуфта шудааст, «ки ҳама чизро мувофиқи
намунае ки дар болои кӯҳ ба ту нишон дода шуд, ба амал оварӣ»+.
6 Аммо алҳол Ӯ хизмати аълотаре пайдо кардааст ба андозае ки Ӯ
миёнарави аҳди беҳтаре мебошад, ки он бар ваъдаҳои беҳтар
барқарор гардидааст+.
7 Зеро, агар он аҳди якум бенуқсон мебуд, ҷое барои дигараш
намеҷустанд+.
8 Зеро ки Худо онҳоро мазаммат намуда, мегӯяд:
«Инак, айёме мерасад, мегӯяд Худованд,
ки Ман бо хонадони Исроил ва бо хонадони Яҳудо аҳди ҷадид хоҳам
баст,+
9 На чунон аҳде ки бо падарони онҳо баста будам
дар рӯзе ки дасташонро гирифтам,
то онҳоро аз замини Миср берун оварам;
чунки онҳо дар аҳди Ман қоим набуданд,
ва Ман ба онҳо эътино накардам, мегӯяд Худованд.
10 Зеро ин аст аҳде ки бо хонадони Исроил
баъд аз он айём хоҳам баст, мегӯяд Худованд:
қонунҳои Худро дар афкори онҳо хоҳам гузошт
ва дар дилҳои онҳо хоҳам навишт,
ва Худои онҳо хоҳам буд, ва онҳо қавми Ман хоҳанд буд+.

11 Ва касе ёри худро,
ва касе бародари худро дигар таълим нахоҳад дод ва нахоҳад гуфт:
Худовандро бишинос; чунки ҳама, аз хурд то калон,
Маро хоҳанд шинохт;+
12 Чунки ба ноинсофиҳои онҳо шафаққат хоҳам кард ва гуноҳҳо ва
шароратҳои онҳоро дигар ба ёд нахоҳам овард».
13 Бо гуфтани «аҳди ҷадид» Ӯ қадимагии аҳди якумро нишон дод;
ва он чи қадима ва кӯҳна аст, ба нестшавӣ наздик аст.

## Саркоҳини абадӣ, назар ба каҳонати Аҳди Қадим, каҳонати баландтаре дорад; Ӯ қурбонии олие, яъне Хуни шахсии Худро, меоварад.

**9** 1 Пас, аҳди якум низ дастурҳои оид ба ибодати Худо, ва қудси
заминӣ дошт;+
2 Зеро хайма ба қисмҳо сохта шуда буд: қисми якум, ки дар он
чароғдон ва миз ва нони тақдим буд, ва он «қудс» номида мешавад+.
3 Ва дар паси парда кисми дуюми хайма буд, ки «қудси қудсҳо»
номида мешавад,+
4 Ки дар он бухурдони тиллоӣ ва сандуқи аҳд буд, ки ҳама ҷояш
тиллокӯб шуда буд, ва дар он зарфи тиллоие пур аз манн, асои
шукуфтаи Ҳорун ва лавҳаҳои аҳд буд,+
5 Ва ба болои он каррубиёни ҷалол буданд, ки бар кафоратгоҳ соя
меафканданд; дар ин хусус ҳоло муфассал сухан рондан лозим
нест+.
6 Дар чунин шароит, коҳинон ба қисми якуми хайма ҳамеша
медароянд, то ки ибодати Худоро ба ҷо оваранд;
7 Аммо ба қисми дуюми хайма соле як бор фақат саркоҳин
медарояд, он ҳам бе хун не, ки онро барои худаш ва барои
хатокориҳои қавм қурбонӣ мекунад+.
8 Ва Рӯҳулқудс бо ин нишон медиҳад, ки то даме ки хаймаи якум
вуҷуд дорад, ҳанӯз роҳи қудс кушода нашудааст+.
9 Вай тимсоли замони ҳозира аст, ки дар он ҳадияҳо ва
қурбониҳое тақдим карда мешаванд, ки қодир нестанд виҷдони
тақдимкунандаро осуда гардонанд,+
10 Ва онҳо, бо чизҳои хӯрданӣ ва нӯшиданӣ ва бо ҳар гуна таҳорат
ва маросим, дастурҳои мансуб ба ҷисм буда, фақат то замони ислоҳ
муқаррар карда шудаанд+.
11 Аммо Масеҳ ҳамчун Саркоҳини некиҳои оянда омада, ба
воситаи хаймаи бузургтар ва мукаммалтаре ки бо дасти одам сохта
нашудааст, яъне сохташ чунин нест,+
12 Ва на ба воситаи хуни бузҳо ва говҳо, балки ба воситаи Хуни Худ
як бор ба кудс дохил шуда, кафорати абадӣ пайдо кард.
13 Зеро, агар хуни бузҳо ва говҳо ва хокистари модагов, ки ба
палидон пошида мешавад, онҳоро то ба дараҷаи татҳири ҷисм

тақдис мекарда бошад,+
14 Чӣ қадар бештар Хуни Масеҳ, ки ба василаи Рӯҳи абадӣ Зоти
беайби Худро ба Худо тақдим намуд, виҷдони моро аз аъмоли беҷон
татҳир хоҳад кард, то ки Худои Ҳай ва ҳақиқиро ибодат намоем!+
15 Бинобар ин Ӯ Миёнарави аҳди ҷадид аст, то ки пас аз мамоти Ӯ,
ки он барои кафорати ҷиноятҳои замони аҳди якум вокеъ шудааст,
даъватшудагон мероси абадии мавъудро пайдо кунанд+.
16 Зеро, дар ҳар ҷое ки васияте ҳаст, бояд собит шавад, ки
васияткунанда мурдааст,
17 Чунки васият пас аз мурдан эътиборнок аст; он, то даме ки
васияткунанда зинда аст, ҳеҷ эътибор надорад.
18 Бинобар ин аҳди якум низ бе хун барқарор нашудааст.
19 Зеро, вақте ки Мусо ҳамаи аҳкомро мувофиқи шариат пеши
тамоми қавм ҳонд, хуни говҳо ва бузҳоро бо об ва пашми арғувонӣ ва
зуфо гирифта, ҳам бар худи китоб пошид, ҳам бар тамоми қавм,+
20 Ва гуфт: «Ин аст хуни аҳде ки Худо ба шумо амр фармудааст»+.
21 Ҳамчунин бар хайма ва тамоми олоти ибодати Худо хун
пошид+.
22 Қариб ҳама чиз мувофиқи шариат ба василаи хун татҳир
меёбад, ва бе рехтани хун омурзиш нест+.
23 Пас, тимсоли чизҳои осмонӣ мебоист бо ин воситаҳо татҳир
меёфт, аммо худи чизҳои осмонӣ — бо қурбониҳои хубтар аз инҳо+.
24 Зеро Масеҳ на ба қудси бо дасти одам сохташуда, ки фақат
тимсоли қудси ҳақиқист, балки ба худи осмон даромадааст, то ки
ҳоло барои мо ба ҳузури Худо зоҳир шавад,+
25 На аз барои он ки борҳо Худро қурбонӣ кунад, чунон ки
саркоҳин ҳар сол ба қудс бо хуни дигарон* медарояд;
26 Вагар на Ӯ мебоист аз ибтидои олам борҳо уқубат мекашид.
Аммо Ӯ алҳол, дар охири замонҳо, як бор зоҳир шуд, то ки бо
қурбонии Худ гуноҳро нест кунад+.
27 Ва чунон ки одамонро насиб гардидааст, ки як бор бимиранд ва
пас аз он ба доварӣ дучор шаванд,+
28 Ончунон Масеҳ низ як бор Худро барои бардоштани гуноҳҳои
бисьёр касон қурбонӣ намуда, бори дуюм на аз барои татҳири гуноҳ

зоҳир хоҳад шуд, балки барои онҳое ки Ӯро интизор доранд, то наҷот ёбанд+.

## Исо ба воситаи Қурбонии Ҷолҷолто имондоронро ба сурати абадӣ аз гуноҳҳо озод кард.

**10** [1] Зеро шариате ки сояи некиҳои оянда аст ва воқеияти онҳо
нест, ҳаргиз наметавонад ба воситаи айни ҳамон қурбониҳое ки
ҳамеша, сол ба сол тақдим карда мешаванд, тақдимкунандагонро
комил гардонад+.

[2] Вагар на, ба тақдим кардани онҳо хотима медоданд, чунки
тақдимкунандагони қурбонӣ як бор татҳир ёфта, дигар хеҷ идроки
гуноҳҳоро намедоштанд.

[3] Лекин ба василаи ин қурбониҳо сол ба сол дар бораи гуноҳҳо
хотиррасон карда мешавад;+

[4] Зеро аз имкон берун аст, ки хуни говҳо ва бузҳо гуноҳҳоро нест
кунад.

[5] Бинобар ин Масеҳ ба ҷаҳон дохил шуда, мегӯяд:

«Қурбонӣ ва ҳадияро Ту нахостӣ, балки бадане барои Ман муҳайё
намудӣ;+

[6] Қурбонии сӯхтанӣ ва қурбонии хато барои Ту писандида набуд+.

[7] Он гоҳ гуфтам: „Инак, меоям, — чунон ки дар тӯмори китоб дар
бораи Ман навишта шудааст, — то ки иродаи Туро, эй Худо, ба ҷо
оварам“».

[8] Аввал мегӯяд: қурбонӣ ва ҳадия ва қурбонии сӯхтанӣ ва
қурбонии хаторо, — ки мувофиқи шариат тақдим карда мешавад, —
Ту нахостӣ, ва онҳо барои Ту писандида набуд;

[9] Баъд, илова намуда, гуфтааст: «Инак, меоям, то ки иродаи Туро,
эй Худо, ба ҷо оварам». Ӯ якумро ботил мекунад, то ки дуюмро
барқарор намояд.

[10] Ба ҳасби ҳамин ирода мо ба василаи қурбонии якбораи ҷисми
Исои Масеҳ тақдис ёфтаем+.

[11] Ва ҳар коҳин ҳар рӯз дар ибодат меистад ва айни ҳамон
қурбониҳоро борҳо тақдим менамояд, ки онҳо ҳаргиз наметавонанд
гуноҳҳоро нест кунанд+.

[12] Аммо Ӯ як қурбониро ба сурати абадӣ барои гуноҳҳо тақдим
намуда, ба ямини Худо биништаст,+

[13] Ва пас аз ин мунтазир аст то даме ки душманонаш зери пои Ӯ
андохта шаванд+.

[14] Зеро ки Ӯ ба василаи як қурбонӣ тақдисшавандагонро то абад комил гардондааст.

[15] Рӯҳулқудс низ ба мо шаҳодат медиҳад, зеро ки гуфта шудааст:
[16] «Ин аст аҳде ки бо онҳо баъд аз он айём хоҳам баст,
мегӯяд Худованд: қонунҳои Худро дар дилҳои онҳо хоҳам гузошт
ва дар афкори онҳо хоҳам навишт,
[17] Ва гуноҳҳо ва шароратҳои онҳоро ба ёд нахоҳам овард»+.

[18] Ва дар он ҷое ки омурзиши гуноҳҳо ҳаст, қурбонӣ барои онҳо дигар лозим нест.

## Даъват ба вафодорӣ ба Масеҳ ва Калисо ҳатто дар шароити таъқибот.

[19] Пас, эй бародарон, модоме ки мо ҷуръат дорем ба қудс ба василаи Хуни Исои Масеҳ,+

[20] Бо роҳи нав ва зинда дохил шавем, ки онро Ӯ барои мо ба василаи пардае, яъне ҷисми Худ, аз нав кушодааст,+

[21] Ва модоме ки мо Коҳини муаззаме бар хонаи Худо дорем,

[22] Пас бо дили соф ва бо имони комил, дилҳои худро ба воситаи пошидан аз виҷдони шарири мо татҳир намуда ва ҷисми худро дар оби пок ғусл дода, наздик оем,+

[23] Ва эътирофи умеди худро собитқадамона нигоҳ дорем, зеро ки Ваъдадиҳанда амин аст;+

[24] Ва диққат кунем, ки якдигарро ба муҳаббат ва аъмоли нек барангезонем,

[25] Ва ҷамъомади худро тарк накунем, чунон ки баъзе касонро таомул шудааст, балки якдигарро насиҳат диҳем, ва бештар ба қадри он ки шумо наздик шудани он рӯзро мебинед+.

## Қурбониҳои яҳудиён аҳамияти худро гум кардааст, ва одил бо имон хоҳад зист.

[26] Зеро, агар мо, пас аз пайдо кардани дониши ростӣ, худсарона гуноҳ кунем, — дигар қурбоние барои кафорати гуноҳ боқӣ намемонад,+

[27] Балки кадом як интизории пурдаҳшати доварӣ ва шиддати оташе ки хасмҳоро ба коми худ хоҳад кашид+.

28 Агар касе шариати Мусоро рад мекард, дар асоси баёноти ду ё се
шоҳид бе марҳамат ба қатл расонда мешуд,+
29 Пас, ба гумонатон, сазовори чӣ қадар ҷазои сахттар хоҳад буд
шахсе ки Писари Худоро поймол мекунад ва Хуни аҳдро, ки аз он
тақдис ёфтааст, азиз намедорад ва Рӯҳи файзро таҳқир менамояд+?
30 Зеро мо Ӯро мешиносем, ки гуфтааст: «Интиқом аз ҷониби Ман
аст, Ман сазо хоҳам дод, мегӯяд Худованд». Ва боз: «Худованд қавми
Худро доварӣ хоҳад кард»+.
31 Ба дасти Худои Ҳай афтодан даҳшатангез аст!+
32 Айёми пештараро ба хотир оваред, ки шумо, баъд аз равшан
шудани фикратон, бори гарони уқубатҳоро бардоштед,
33 Дар ҳолате ки гоҳ худатон дар миёни ҳориҳо ва андӯҳҳо ба
тамошогоҳе барои дигарон мубаддал мешудед, гоҳ шарики онҳое
мегардидед, ки ба чунин аҳвол дучор шуда буданд;
34 Зеро ки шумо ба занҷирҳои ман низ ҳамдардӣ изҳор кардед, ва
тороҷи дороии худро бо шодмонӣ қабул кардед, чун медонистед, ки
шумо дар осмон молу мулки беҳтар ва бобақое доред+.
35 Пас умеди худро тарк накунед, ки мукофоти бузурге ба он
тааллуқ дорад.
36 Зеро шуморо сабр лозим аст, то ки иродаи Худоро иҷро намуда,
ваъдаро ба даст оваред;
37 Зеро ки баъд аз андаке он Оянда хоҳад омад ва даранг нахоҳад
кард.
38 Одил бо имон ҳоҳад зист; ва агар касе рӯй гардонад, ҷони Ман ба
вай таваҷҷӯҳ нахоҳад кард+.
39 Вале мо аз онҳо нестем, ки бармегарданд ва ба ҳалокат
мерасанд, балки аз имондоронем, ки наҷот меёбанд.

## Роҳҳои имони қадимиён.

**11** 1 Имон эътиқоди қавӣ ба чизҳоест, ки мо ба онҳо умед
мебандем, ва боварӣ ба чизҳоест, ки намоён нестанд+.
2 Зеро ки ба василаи он қадимиён шаҳодат пайдо кардаанд.
3 Бо имон мо дарк мекунем, ки оламҳо бо каломи Худо тартиб
ёфтааст, ба тавре ки аз чизҳои нонамоён чизҳои намоён ба вуҷуд
омадааст+.

## 1. Замонҳои нахустпадарон.

4 Бо имон Ҳобил ба Худо, назар ба Қобил, қурбонии беҳтаре
тақдим намуд; бо он ӯ шаҳодат пайдо кард, ки ӯ одил аст, чунон ки
Худо дар бораи ҳадияҳои ӯ шаҳодат дод; бо он ӯ баъд аз мамоташ
ҳанӯз ҳам сухан меронад+.
5 Бо имон Ҳанӯх тавре кӯчонида шуд, ки мамотро надид; ва ӯ
пайдо нашуд, чунки Худо ӯро кӯчонид. Зеро ки пеш аз кӯчонида
шуданаш шаҳодат пайдо кард, ки ба Худо писанд омадааст+.
6 Аммо бе имон ба назари Худо писанд омадан мумкин нест; зеро
ҳар кӣ сӯи Худо меояд, бояд имон дошта бошад, ки Ӯ ҳаст, ва ба
толибони Худ мукофот хоҳад дод.
7 Бо имон Нӯҳ дар хусуси чизе ки ҳанӯз намоён набуд, ваҳй ёфта,
бо тарси Худо барои наҷот додани аҳли байти худ киштие бисохт; бо
он ӯ ҷаҳонро маҳкум намуд ва ворили адолате гардид, ки аз имон
аст+.

## 2. Замонҳои саркабилагон.

8 Бо имон Иброҳим итоат намуд ба даъвате дар бораи рафтан ба
мамлакате ки мебоист мерос мегирифт, ва ӯ рафт, ва намедонист ба
куҷо меравад+.
9 Бо имон ӯ дар замини мавъуд, мисли замини бегона, ғарибона
маскан гирифт, ва бо Исҳоқ ва Яъқуб, ки ҳамирсони ҳамон ваъда
буданд, дар хаймаҳо зиндагӣ кард;+
10 Зеро ӯ мунтазири шаҳре буд, ки таҳкурсии мустаҳкаме дорад, ва
меъмору бинокори он Худост+.
11 Бо имон худи Соро низ барои қабули насл қувват пайдо кард ва
баъд аз фарсудагиаш зоид; зеро Ваъдадиҳандаро амин донист+.

12 Бинобар ин аз як нафар, ки он ҳам мисли беҷон буд, ончунон
бисьёр зоида шуданд, чунон ки ситораҳои осмон бисьёр аст, ва чунон
ки реги лаби баҳр бешумор аст+.
13 Ҳамаи инҳо дар имон мурданд ва ба муроди иҷрои ваъдаҳо
нарасиданд, балки фақат аз дур онҳоро дида, шод шуданд ва эътироф
карданд, ки бар замин мусофир ва ғарибанд;+
14 Зеро онҳое ки чунин мегӯянд, нишон медиҳанд, ки дар
ҷустуҷӯи ватане ҳастанд.
15 Ва агар ватанеро, ки аз он берун омада буданд, ба ёд
меоварданд, фурсат доштанд, ки баргарданд;
16 Аммо иштиёқманди ватани беҳтаре буданд, ки он дар осмон аст;
бинобар ин Худо ор намедонад, ки Худои онҳо хонда шавад: зеро ки
Ӯ барои онҳо шаҳре муҳайё кардааст+.
17 Бо имон Иброҳим, вақте ки озмуда шуд, Исҳоқро барои қурбонӣ
тақдим намуд ва, бо вуҷуди он ки ваъдаҳо гирифта буд, писари
ягонаи худро тақдим намуд,+
18 Ки дар ҳаққи вай гуфта шуда буд: «Насли ту аз Исҳоқ хонда
хоҳад шуд»;
19 Зеро ӯ фикр мекард, ки Худо қодир аст аз мурдагон низ эҳьё
кунад; ба ин сабаб Исҳоқ ба таври тимсол аз мурдагон ба ӯ
баргардонида шуд+.
20 Бо имон Исҳоқ Яъқуб ва Эсовро барои оянда низ баракат дод+.
21 Бо имон Яъқуб, пеш аз мурданаш, ҳар писари Юсуфро баракат
дод ва бар сари асои худ такья намуда, саҷда кард+.
22 Бо имон Юсуф, дар вақти вафоташ, хуруҷи банӣ Исроилро зикр
намуд ва дар бораи устухонҳои худ васият кард+.

## 3. Замонҳои Мусо ва Еҳушаъ ибни Нун.

23 Бо имон падару модари Мусо ӯро, чун таваллуд шуд, се моҳ
пинҳон доштанд, зеро диданд, ки кӯдаки зебост, ва аз амри подшоҳ
натарсиданд+.
24 Бо имон Мусо, чун калонсол шуд, нахост, ки писари духтари
фиръавн хонда шавад,+
25 Ва бо қавми Худо уқубат кашиданро афзал донист аз он ки аз
гуноҳ ҳаловати муваққатӣ дошта бошад,+

26 Ва хории Масеҳро сарвати бузургтар аз ганҷҳои Миср ҳисоб
кард; зеро ки ба мукофот назар медӯхт+.
27 Бо имон ӯ Мисрро тарк кард ва аз ғазаби подшоҳ натарсид; зеро
ӯ, мисли он ки Нонамоёнро дида бошад, боматонат буд+.
28 Бо имон ӯ фисҳ ва пошидани хунро ба амал овард, то ки
несткунандаи нахустзодагон ба онҳо даст нарасонад+.
29 Бо имон онҳо аз баҳри Қулзум, чун аз хушкӣ, гузаштанд, вале
вақте ки мисриён ба гузаштан ҳаракат карданд, ғарқ шуданд+.
30 Бо имон деворҳои Ериҳӯ пас аз даврзании ҳафтрӯза фурӯ
ғалтид+.
31 Бо имон Роҳоби фоҳиша, ки ҷосусонро ба саломатӣ қабул карда
буд, бо исьёнгарон ба ҳалокат нарасид+.

## 4. Дертарин таърихи Исроил.

32 Боз чӣ гӯям? Вақтам кифоя намекунад барои он ки дар бораи
Ҷидъӯн ва Бороқ ва Шимшӯн ва Йифтоҳ ва Довуд ва Самуил ва анбиё
ҳикоят намоям,+
33 Ки онҳо бо имон мамлакатҳоро мусаххар карданд, адлро ба
амал оварданд, ба ваъдаҳо муваффақ шуданд, даҳони шеронро
бастанд,+
34 Қуввати оташро хомӯш карданд, аз дами шамшер халосӣ
ёфтанд, аз заъф боқуввват шуданд, дар ҷанг қавӣ гардиданд, фавҷҳои
бегонаҳоро торумор карданд;+
35 Занон мурдаҳои худро эҳьёшуда ёфтанд; вале дигарон аз
шиканҷа нобуд шуданд ва озодиро қабул накарданд, то ки ба эҳьёи
беҳтаре ноил гарданд;+
36 Ва баъзеи дигарон ҳақоратҳо ва шаллоқро, ҳамчунин занҷирҳо
ва зиндонро аз сар гузаронданд+.
37 Сангсор шуданд, бо арра дупора гардиданд, ба шиканҷа
гирифтор шуданд, аз дами шамшер мурданд; пӯстҳои гӯсфанду буз
дар тан сарсону саргардон шуда, мӯҳтоҷӣ, тангӣ ва уқубат
кашиданд;+
38 Онҳое ки ҷаҳон лоиқашон набуд, дар биёбонҳо ва кӯҳҳо, дар
мағораҳо ва дараҳои замин овора шуда гаштанд+.
39 Ва ҳамаи онҳо, ки ба хотири имон шӯҳрат пайдо карда буданд,
ваъдаро соҳиб нашуданд,

40 Чунки Худо барои мо чизи беҳтаре пешбинӣ намуда буд, то ки
онҳо бе мо комил нагарданд+.

## Роҳи имони масеҳиён дар замонҳои уқубатҳо ва ҳарбу зарбҳо.

**12** [1] Бинобар ин мо низ, ки дар гирди худ чунин абри
шоҳидонро дорем, ҳар бори гарон ва гуноҳро, ки моро фаро
мегирад, аз худ дур андохта, майдони дар пеши мо бударо бо сабр
давон-давон тай кунем+
[2] Ва ба Сарвар ва Комилкунандаи имони мо, яъне Исо, назар
дӯзем, ки Ӯ ба ҷои шодие ки Ӯро дар пеш буд, ба хорӣ беэътиноӣ
намуда, ба салиб тоб овард ва ба ямини тахти Худо бинишаст+.
[3] Дар бораи Ӯ фикр кунед, ки аз дасти гуноҳкорон ба чунин хорӣ
тоб овард, то ки шумо дар ҷонҳои худ хаста ва суст нашавед+.
[4] Дар талоши зидди гуноҳ шумо ҳанӯз то ба дараҷаи рехтани хун
муқобилият накардаед+
[5] Ва он насиҳатро, ки ба шумо, ҳамчун ба писарон гуфта шудааст,
фаромӯш кардаед:
«Эй писарам! Ба ҷазои Худованд беэътиноӣ накун, ва ҳангоме ки Ӯ
туро мазаммат намояд, маъюс нашав;+
[6] Зеро ки Худованд ҳар киро дӯст дорад, ҷазо медиҳад;
ҳар писари писандидаи Худро мезанад».
[7] Агар ба ҷазо тоб оваред, Худо бо шумо, чун бо писарон, рафтор
мекунад. Зеро, оё писаре ҳаст, ки падараш ӯро ҷазо надиҳад+?
[8] Аммо агар шумо бе ҷазо монед, ки он насибаи ҳама аст, пас
шумо ҳаромзодагонед, на писарон.
[9] Илова бар ин, барои мо, ки аз падарони ҷисмонӣ ҷазо ёфта, аз
онҳо метарсем, оё лозим нест, ки ба Падари рӯҳҳо хеле зиёдтар итоат
намоем, то ки зист кунем?
[10] Зеро ки онҳо моро ба салоҳдиди худашон барои айёми андак
ҷазо медоданд, аммо Ӯ ин корро ба манфиати мо, то ки дар қудсияти
Ӯ ширкат дошта бошем, анҷом медиҳад+.
[11] Ҳар ҷазо дар замони ҳозира ба назари кас на шодӣ, балки андӯҳ
менамояд; лекин оқибат ба онҳое ки ба воситаи он таълим ёфтаанд,
самари осоиштаи адолатро меоварад.

## Бе қудсият ҳеҷ кас Худовандро нахоҳад дид.

## Дар бораи ҷалоли Аҳди Ҷадид.

12 Пас, дастҳои беқувват ва зонуҳои бемаҷолро қавӣ кунед+
13 Ва барои пойҳои худ роҳҳои рост кушоед, то он чи мелангад,
бероҳа нагардад, балки ба хубӣ шифо ёбад+.
14 Осоиштагиро бо ҳама пеша кунед ва қудсиятро толиб бошед, ки
бе он ҳеҷ кас Худовандро нахоҳад дид,+
15 Ва бохабар бошед, ки мабодо касе аз файзи Худо маҳрум шавад;
мабодо решаи талхе ба вуҷуд омада, осеб расонад, ва бисьёр касон аз
он палид шаванд,+
16 Мабодо зинокоре ё осие ёфт шавад, ки мисли Эсов барои як таом
аз нахустзодагии худ даст кашад+.
17 Зеро шумо медонед, ки баъд аз он ӯ, чун хост вориси баракат
гардад, рад карда шуд: тафаккури падарро дигаргун карда
натавонист, гарчанде ки дар ин ҳусус ашк рехта илтимос намуд+.
18 Шумо наздик наомадаед ба кӯҳе ки ламсшаванда ва оташфишон
аст, ба торикӣ ва зулмот ва тундбод,+
19 Ё ба овози карнай ва садои суханон, ки шунавандагонаш
илтимос карданд, ки ба онҳо дигар сухане гуфта нашавад,+
20 Зеро ба он тоб оварда натавонистанд, ки амр фармуда шуда буд:
«Агар ҳайвоне низ ба кӯҳ бирасад, сангсор ё тирборон хоҳад шуд»+.
21 Ва ин манзара он қадар даҳшатангез буд, ки Мусо гуфт: «Ман
тарсону ларзон шудам»+.
22 Балки шумо наздик омадаед ба кӯҳи Сион ва ба шаҳри Худои
Ҳай, ба Ерусалими осмонӣ ва беварҳои фариштагон,+
23 Ва ба анҷумани пуртантана ва Калисои нахустзодагоне ки дар
афлок навишта шудаанд, ва ба Худое ки Довари ҳама аст, ва ба
арвоҳи одилоне ки ба камол расидаанд,+
24 Ва ба Исо, ки Миёнарави аҳди ҷадид аст, ва ба Хуни пошиданӣ,
ки назар ба хуни Ҳобил хубтар сухан мегӯяд+.
25 Бохабар бошед, ки шумо низ аз сухангӯ рӯ нагардонед. Зеро,
агар онҳое ки бар замин ба сухангӯ гӯш наандохтанд, аз ҷазо раҳо
нашудаанд, пас алалхусус мо, агар аз Ӯ, ки аз осмон сухан мегӯяд, рӯ
гардонем, раҳо наҳоҳем шуд+.

[26] Дар он вақт овози Ӯ заминро ба ларза андохта буд, ва Ӯ ҳоло
чунин ваъда додааст: «Боз як бори дигар на танҳо заминро, балки
осмонро низ ба ларза хоҳам андохт»+.
[27] Ибораи «боз як бори дигар» маънои онро дорад, ки чизҳое ки ба
ларза меафтад, ҳамчун чизҳои офаридашуда, аз миён хоҳад рафт, то
чизҳое ки ба ларза намеафтад, боқӣ монад+.
[28] Пас мо малакутеро, ки ба ларза намеафтад, қабул намуда,
файзро маҳфуз хоҳем дошт ва бо он Худоро ба таври писандида бо
таъзиму такрим ва тарс ибодат хоҳем кард,+
[29] Чунки Худои мо оташи фурӯбаранда аст+.

## Пандҳо ва баракоти хотимавии ҳавворӣ барои имондорон.

**13** 1 Бигзор бародардӯстӣ барқарор бошад+.
2 Меҳмоннавозиро фаромӯш накунед, зеро ки ба воситаи он
баъзе касон, нодониста, фариштагонро меҳмоннавозӣ кардаанд+.
3 Бандиёнро ба ёд оваред, гӯё ки шумо низ бо онҳо дар занҷирҳо
бошед, ва ситамкашонро, мисли он ки худатон бо онҳо як ҷисм
мебошед+.
4 Бигзор никоҳ аз ҳар ҷиҳат ҳалол бошад, ва ҷойхоби он беайб;
зеро ки зинокорон ва фосиқонро Худо доварӣ хоҳад кард+.
5 Хулқатон аз зарпарастӣ дур бошад, ва бо он чи доред, қаноат
кунед. Зеро ки Худи Ӯ гуфтааст: «Туро тарк нахоҳам кард ва туро
нахоҳам партофт»,+
6 Бинобар ин мо метавонем далерона бигӯем:
«Худованд мададгори ман аст, ва ҳаросон нахоҳам шуд:
одамизод ба ман чӣ метавонад бикунад?»+
7 Сардорони худро, ки каломи Худоро ба шумо мавъиза кардаанд,
ба ёд оваред: ба анҷоми рафтори онҳо назар карда, ба имонашон
тақлид намоед+.
8 Исои Масеҳ дирӯз ва имрӯз ва то абад айни ҳамон аст+.
9 Ба таълимоти гуногун ва бегона моил нашавед; зеро хуб аст, ки
дилҳо бо файз қавӣ гардад, на бо таомҳо, ки аз онҳо касони пурхӯр
манфиате надидаанд+.
10 Мо қурбонгоҳе дорем, ки ҳизматгузорони хайма ҳақ надоранд
аз он чизе бихӯранд.
11 Ҷасади ҳайвоноте ки хунашонро саркоҳин барои кафорати
гуноҳ ба қудс меоварад, берун аз бошишгоҳ сӯзонида мешавад, —+
12 Бинобар ин Исо низ, барои он ки одамонро бо Хуни Худ тақдис
намояд, берун аз дарвоза уқубат кашид+.
13 Пас, хории Ӯро бардошта, берун аз бошишгоҳ сӯи Ӯ бароем;+
14 Зеро дар ин ҷо шаҳри доимие надорем, балки ояндаро ҷустуҷӯ
менамоем.
15 Бинобар ин ҳамеша ба василаи Ӯ қурбонии шукронаро ба Худо
тақдим менамоем, яъне самараи лабҳоеро, ки ба исми Ӯ ҳамду сано
мехонанд+.

16 Инчунин инсондӯстӣ ва саховатро аз хотир набароред, зеро ки
ин гуна қурбониҳо ба Худо писанд меояд+.
17 Ба сардорони худ фармонбардор ва мутеъ бошед, зеро онҳо
ҳамеша ғами ҷонҳои шуморо мехӯранд, чунки ба ҳисобот додан
вазифадор мебошанд; то ки онҳо ин вазифаро бо шодӣ ба ҷо оваранд,
на бо оҳу нола, зеро ки ин барои шумо фоиданок нест.
18 Дар ҳаққи мо дуо гӯед; зеро мо яқин медонем, ки виҷдони нек
дорем, чунки дар ҳар бобат мехоҳем ҳалолкорона рафтор кунем+.
19 Ва махсусан ба ҷо овардани инро илтимос менамоям, то ки ман
зудтар назди шумо баргардонида шавам.
20 Ва Худои осоиштагӣ, ки Чӯпони бузурги гӯсфандон — Исои
Худованди моро бо хуни аҳди абадӣ аз мурдагон ба по хезонд,+
21 Бигзор шуморо дар ҳар кори нек барои иҷрои иродаи Ӯ комил
гардонад ва он чи ба Ӯ писандида бошад, дар шумо ба василаи Исои
Масеҳ ба амал оварад, ки Ӯро то абад ҷалол бод! Омин.
22 Аз шумо, эй бародарон, илтимос менамоям, ки ин каломи
насиҳатро қабул кунед, зеро ки ба шумо мухтасар низ навиштаам.
23 Бидонед, ки бародари мо Тимотиюс озод шуд; ва агар ӯ зуд
биёяд, ҳамроҳи ӯ ба дидани шумо хоҳам омад+.
24 Ба ҳамаи сардорони худ ва ба ҳамаи муқаддасон салом расонед.
Итолиявиён ба шумо салом мерасонанд.
25 Файз бо ҳамаи шумо бод. Омин.

---

* 9:25 Яъне бо хуни ҳайвонот.

---

+ 1:2 1 Пет. 1:20, Марқ. 12:7, Юҳ. 1:3, 1 Қӯр. 8:6, Қӯл. 1:16

+ 1:3 2 Қӯр. 4:4, Қӯл. 1:15, Заб. 109:1, Марқ. 16:19, Аъм. 7:55-56, Рум. 8:34

+ 1:4 Эфс. 1:21, Фпл. 2:9

+ 1:5 Заб. 2:7, Аъм. 13:32-33, Ибр. 5:5, 2 Подш. 7:14

+ 1:6 Заб. 96:7

+ 1:7 Заб. 103:4

+ 1:9 Заб. 44:7-8

+ 1:12 Заб. 101:26-28

+ 1:13 Заб. 109:1, Ибр. 10:13

+ 1:14 Ҳас. 19:16

+ 2:4 Аъм. 2:22, Аъм. 2:43

+ 2:5 Ибр. 1:6

+ 2:8 Заб. 8:5-7, 1 Қӯр. 15:25

+ 2:9 Юҳ. 8:54, Юҳ. 17:1, 1 Пет. 1:21, 2 Пет. 1:17

+ 2:10 Рум. 11:36, Ибр. 5:9

+ 2:11 Ибр. 13:12, Мат. 28:10, Марқ. 3:35, Юҳ. 20:17, Рум. 8:29

+ 2:12 Заб. 21:23

+ 2:13 Иш. 8:17-18

+ 2:14 Юҳ. 1:14, 1 Юҳ. 4:2, 2 Юҳ. 1:7, 1 Тим. 3:16, 1 Юҳ. 3:8, Иш. 42:7, Иш. 49:9, 1 Қӯр. 15:54-55

+ 2:17 Фпл. 2:7

+ 2:18 Лук. 22:28

+ 3:2 Ад. 12:7

+ 3:5 Ад. 12:7, Так. Шар. 18:15, Так. Шар. 18:18

+ 3:11 Заб. 94:7-11

+ 3:15 Заб. 94:7-8

+ 3:16 Ад. 14:2

+ 3:17 Заб. 94:10, Ад. 14:29

+ 3:18 Так. Шар. 1:34-36

+ 3:19 Заб. 105:24

+ 4:1 Ибр. 12:15

+ 4:3 Заб. 94:11, Ибр. 3:11

+ 4:4 Ҳас. 2:2

+ 4:5 Заб. 94:11

+ 4:6 Ибр. 3:19

+ 4:7 Заб. 94:7-8

+ 4:8 Так. Шар. 31:7

+ 4:12 Эфс. 6:17, Ваҳй 1:16

+ 4:13 2 Вак. 16:9, Айюб 34:21, Заб. 89:8, Заб. 138:2-3

+ 4:14 Ибр. 2:17-18, Эфс. 4:10, Ибр. 7:26

+ 4:15 Лук. 23:41, Юҳ. 8:46, 1 Пет. 2:22, 1 Юҳ. 3:5, 2 Қӯр. 5:21

+ 4:16 Эфс. 3:12, Ибр. 10:19

+ 5:1 Ибр. 8:3

+ 5:2 Ибр. 7:28

+ 5:3 Ибр. 7:27

+ 5:4 Ад. 16:5, Ад. 18:7

+ 5:5 Юҳ. 8:54, Заб. 2:7, Аъм. 13:32-33, Ибр. 1:5

+ 5:6 Заб. 109:4, Ибр. 7:17, Ибр. 7:21

+ 5:7 Мат. 26:39, Марқ. 14:35, Луқ. 22:41, Заб. 21:25

+ 5:8 Рум. 5:19, Фпл. 2:8

+ 5:9 Ибр. 2:10

+ 5:11 2 Пет. 3:16

+ 5:12 1 Пет. 2:2, 1 Қӯр. 3:1-2

+ 5:14 Эфс. 4:13

+ 6:1 Ибр. 9:14

+ 6:2 Аъм. 8:17, Аъм. 19:4-5, Аъм. 10:42, Аъм. 17:31

+ 6:4 Ибр. 10:29

+ 6:8 Ирм. 4:3, Мат. 13:7, Мал. 4:1, Мат. 3:12

+ 6:10 Мат. 10:42

+ 6:11 Рум. 5:2-5, 2 Қӯр. 1:22, 2 Қӯр. 5:5, Эфс. 1:14

+ 6:12 Ибр. 13:7

+ 6:13 Луқ. 1:73-75

+ 6:14 Ҳас. 22:17

+ 6:16 Хур. 22:11

+ 6:17 Заб. 109:4

+ 6:18 Ад. 23:19, 1 Подш. 15:29

+ 6:19 Иб. 16:2, Иб. 16:15, Ибр. 9:7

+ 6:20 Ибр. 4:14, Ибр. 8:1, Ибр. 9:24-25

+ 7:2 Ҳас. 14:17-20

+ 7:5 Иб. 27:30-31, Ад. 18:21, Так. Шар. 14:22

+ 7:6 Ҳас. 12:2-3, Рум. 4:3, Ғал. 3:16

+ 7:14 Иш. 11:1, Мик. 5:2, Мат. 1:3, Луқ. 3:3

+ 7:17 Заб. 109:4, Ибр. 5:6

+ 7:18 Рум. 8:3, Ғал. 4:9

+ 7:19 Ибр. 9:9, Ибр. 10:1

+ 7:21 Заб. 109:4, Ибр. 5:6

+ 7:22 Ибр. 6:11

+ 7:25 1 Юҳ. 2:1, Рум. 8:34

+ 7:26 Эфс. 4:10, Ибр. 4:14

+ 7:27 Ибр. 5:3, Ибр. 9:12, Ибр. 10:10

+ 7:28 Ибр. 5:2

+ 8:1 Заб. 109:1, Марқ. 16:19, Ибр. 1:3

+ 8:2 Ибр. 9:24

+ 8:3 Ибр. 5:1, Эфс. 5:2

+ 8:5 Қӯл. 2:17, Ибр. 10:1, Хур. 25:40

+ 8:6 2 Қӯр. 3:6, Ибр. 9:15

+ 8:7 Ибр. 7:11

+ 8:8 Ирм. 31:31-34, Ибр. 10:16-17, Луқ. 22:20, 2 Қӯр. 3:6

+ 8:10 Ирм. 32:40, Ҳиз. 37:26, Так. Шар. 6:6, Иш. 51:7, Иб. 26:12

+ 8:11 Ҳуш. 2:20

+ 9:1 Хур. 25:8

+ 9:2 Хур. 26:1, Хур. 25:30-31

+ 9:3 Хур. 26:31-33, Иб. 16:2

+ 9:4 Хур. 25:10, Хур. 30:1, Хур. 16:33-34, Ад. 17:8-10, 3 Подш. 8:9

+ 9:5 Иб. 16:14, Хур. 25:19-20

+ 9:7 Иб. 16:2, Иб. 16:15, Ибр. 6:19

+ 9:8 Ибр. 10:20

+ 9:9 Ибр. 7:19, Ибр. 10:1

+ 9:10 Иб. 11:2, Марқ. 7:4

+ 9:11 Ибр. 7:27, Ибр. 10:10

+ 9:13 Иб. 16:14-16

+ 9:14 1 Пет. 1:18-19, Ибр. 6:1, Ваҳй 7:14, 1 Юҳ. 1:7, Эфс. 5:26

+ 9:15 Ибр. 8:6, 2 Тим. 1:1, Тит. 1:2

+ 9:19 Хур. 12:22, Иб. 14:4-7, Ад. 19:6, Ад. 19:17, Заб. 50:9

+ 9:20 Хур. 24:8

+ 9:21 Хур. 29:12, Хур. 29:36, Иб. 8:15, Иб. 8:19

+ 9:22 Иб. 17:11

+ 9:23 Хур. 25:40, Ибр. 8:5

+ 9:24 Ибр. 8:2

+ 9:26 1 Юҳ. 3:5, 1 Пет. 3:18

+ 9:27 Мат. 16:27

+ 9:28 Иш. 53:12, 1 Пет. 2:24, 1 Пет. 3:18, Тит. 2:13, Аъм. 1:11, 1 Тас. 4:16-18

+ 10:1 Қӯл. 2:17, Ибр. 8:5, Ибр. 7:19, Ибр. 9:9

+ 10:3 Иб. 16:21

+ 10:5 Заб. 39:7-9, Заб. 50:18

+ 10:6 1 Подш. 15:22, Иш. 50:4

+ 10:10 Мат. 26:26, 1 Қӯр. 11:24, Ибр. 7:27, Ибр. 9:9

+ 10:11 Ад. 28:3

+ 10:12 Заб. 109:1, Марқ. 16:19, Ибр. 1:3

+ 10:13 Заб. 109:1, Ибр. 1:13

+ 10:17 Ирм. 31:33-34, Ибр. 8:10-12

+ 10:19 Эфс. 3:12, Ибр. 4:16

+ 10:20 Ибр. 9:8, Юҳ. 14:6

+ 10:22 Ҳиз. 36:25, Юҳ. 13:8, 1 Қӯр. 6:11, Эфс. 5:26, Тит. 3:5

+ 10:23 Ибр. 4:14, 1 Қӯр. 1:9, 1 Тас. 5:24, 2 Тас. 3:3

+ 10:25 Аъм. 2:42, Рум. 13:11, 1 Қӯр. 3:13

+ 10:26 Ад. 15:30, Марқ. 3:29, 1 Юҳ. 5:16

+ 10:27 Заб. 20:10, Заб. 78:5, Иш. 26:11

+ 10:28 Так. Шар. 19:15

+ 10:29 Ибр. 6:4-6

+ 10:30 Так. Шар. 32:35-36, Рум. 12:19

+ 10:31 Иш. 33:14, Луқ. 12:5

+ 10:34 Мат. 25:36, Мат. 5:12, Мат. 6:20, Мат. 19:21, 1 Пет. 1:4, Қӯл. 1:5

+ 10:38 Ҳаб. 2:3-4, Рум. 1:17, Ғал. 3:11

+ 11:1 Рум. 8:24, 2 Қӯр. 4:18

+ 11:3 Ҳас. 1:6-7, Заб. 32:6, 2 Пет. 3:5

+ 11:4 Ҳас. 4:3-8, Мат. 23:35, 1 Юҳ. 3:12

+ 11:5 Ҳас. 5:22-24

+ 11:7 Ҳас. 6:9-22

+ 11:8 Ҳас. 12:1-4

+ 11:9 Ҳас. 12:8, Ҳас. 13:3, Ҳас. 18:1

+ 11:10 Ибр. 12:22, Ваҳй 21:2

+ 11:11 Ҳас. 21:2

+ 11:12 Рум. 4:19, Ҳас. 22:17

+ 11:13 Мат. 13:17, Луқ. 10:24, Ҳас. 23:4

+ 11:16 Ҳас. 26:24, Ҳас. 28:13

+ 11:17 Ҳас. 22:1-10, Ҳас. 21:12, Рум. 9:7

+ 11:19 Рум. 4:17-19

+ 11:20 Ҳас. 27:27-29, Ҳас. 27:39-40

+ 11:21 Ҳас. 47:31, Ҳас. 48:17-19

+ 11:22 Ҳас. 50:24-25

+ 11:23 Хур. 2:2-3, Аъм. 7:20

+ 11:24 Хур. 2:10-11

+ 11:25 1 Юҳ. 2:17

+ 11:26 Ибр. 13:13

+ 11:27 Хур. 12:37, Хур. 13:18

+ 11:28 Хур. 12:21-30

+ 11:29 Хур. 14:21-30

+ 11:30 Еҳ. 6:15, Еҳ. 6:20

+ 11:31 Еҳ. 2:1, Еҳ. 6:24, Мат. 1:5, Яъқ. 2:25

+ 11:32 Дов. 6:11, Дов. 4:6-16, Дов. 13:24, Дов. 11:1, Дов. 4:6, Дов. 6:11, Дов. 11:1, Дов. 13:24, 1 Подш. 1:20, 1 Подш. 16:13

+ 11:33 Дов. 14:6, Дон. 6:22

+ 11:34 Дон. 3:23-27, Дов. 7:21, 1 Подш. 17:51, 2 Подш. 12:29

+ 11:35 3 Подш. 17:22-23, 4 Подш. 4:35-37

+ 11:36 Ҳас. 39:20, Ирм. 20:2, Ирм. 37:15, Мат. 21:35, Марқ. 16:18

+ 11:37 3 Подш. 18:4, 2 Вак. 24:21, Ирм. 26:23, 4 Подш. 1:8

+ 11:38 Дов. 6:2, 1 Подш. 22:1

+ 11:40 Фпл. 3:12, Ибр. 12:23

+ 12:1 1 Қӯр. 9:24

+ 12:2 Ибр. 2:10, Луқ. 24:26, Фпл. 2:8, Заб. 109:1, Марқ. 16:19, Ибр. 1:3

+ 12:3 Мас. 24:10

+ 12:4 1 Тим. 4:10

+ 12:5 Мас. 3:11-12, Заб. 93:12, Айюб 5:17

+ 12:7 Так. Шар. 8:5, Ваҳй 3:19

+ 12:10 Иб. 11:44

+ 12:12 Иш. 35:3

+ 12:13 Мас. 4:26

+ 12:14 Мат. 5:8

+ 12:15 Ибр. 4:1, Так. Шар. 29:18

+ 12:16 Ибр. 13:4, Ҳас. 25:29-34

+ 12:17 Ҳас. 27:34-38

+ 12:18 Хур. 19:16-18, Хур. 20:18, Так. Шар. 4:11, Так. Шар. 5:22

+ 12:19 Хур. 19:16, Хур. 20:19, Так. Шар. 5:27

+ 12:20 Хур. 19:12-13

+ 12:21 Так. Шар. 9:19

+ 12:22 Ғал. 4:26, Ваҳй 14:1, Ваҳй 21:2, Так. Шар. 33:2, Дон. 7:10, Яҳ. 1:14

+ 12:23 Луқ. 10:20, Фпл. 3:12, Ибр. 11:40

+ 12:24 Ибр. 8:6, Ибр. 9:15, 1 Пет. 1:2, Ҳас. 4:10

+ 12:25 Ибр. 2:3

+ 12:26 Хур. 19:18, Ҳаҷ. 2:6

+ 12:27 Заб. 101:27

+ 12:28 Дон. 2:44, Заб. 2:11

+ 12:29 Так. Шар. 4:24

+ 13:1 Юҳ. 13:34, 1 Пет. 1:22, 2 Пет. 1:7, Рум. 12:10, 1 Тас. 4:9

+ 13:2 1 Пет. 4:9, Ҳас. 18:3, Ҳас. 19:2

+ 13:3 Мат. 25:36, Ибр. 10:34

+ 13:4 1 Қӯр. 7:38, Хур. 20:14, 1 Қӯр. 6:9

+ 13:5 Мас. 23:4, Мат. 6:19, Мат. 6:25, 1 Тим. 3:1, 1 Тим. 6:7-9, Еҳ. 1:5

+ 13:6 Заб. 117:6

+ 13:7 Ибр. 6:12

+ 13:8 Заб. 101:28

+ 13:9 Қӯл. 2:16

+ 13:11 Хур. 29:14, Иб. 16:27

+ 13:12 Мат. 21:39, Марқ. 12:8

+ 13:13 1 Пет. 4:14, Ибр. 11:26

+ 13:15 Заб. 49:14, Заб. 106:22, Ҳуш. 14:3

+ 13:16 Мик. 6:7-8

+ 13:18 Эфс. 6:19, 1 Тас. 5:25, 2 Тас. 3:1, Аъм. 23:1, Аъм. 24:16

+ 13:20 Рум. 15:33, Заб. 22:1, Заб. 79:2, Иш. 40:11, Ҳиз. 34:11-15, Воиз 12:12, Юҳ. 10:11, 1 Пет. 5:4, Хур. 24:8, Зак. 9:11

+ 13:23 Ахъм. 16:1

# ВАҲЙИ

*ҲАВВОРИИ МУҚАДДАС ЮҲАННО*

1 2 3 4 5 6 7 8 9 10
11 12 13 14 15 16 17 18 19 20
21 22

## Хушо касе ки суханони ин нубувватро мехонад ва мешунавад.

**1** [1] Ваҳйи Исои Масеҳ, ки Худо ба Ӯ ато намуд, то ба бандагони
Худ нишон диҳад, ки ба қарибӣ чиҳо бояд ба вуқӯъ ояд. Ва Ӯ онро
ба воситаи фариштаи Худ ба бандаи Худ Юҳанно фиристода, зоҳир
сохт,+
[2] Ки вай ба каломи Худо, ва ба шаҳодати Исои Масеҳ, ва ба ҳар
чизе ки дида буд, гувоҳӣ дод+.
[3] Хушо касе ки мехонад ва касоне ки мешунаванд суханони ин
нубувватро, ва он чи дар он навишта шудааст, риоят мекунанд, зеро
ки вақт наздик аст+.

## Исо бо абрҳо меояд, ва Ӯро ҳар чашм хоҳад дид.

[4] Юҳанно ба ҳафт калисое ки дар вилояти Осиё мебошанд: файз ва
осоиштагӣ бар шумо бод аз ҷониби Ӯ, ки ҳаст ва буд ва хоҳад омад, ва
аз ҷониби ҳафт рӯҳе ки дар пеши тахти Ӯ ҳастанд,+
[5] Ва аз ҷониби Исои Масеҳ, ки шоҳиди амин, Нахустзода аз
мурдагон ва Фармонфармои подшоҳони замин аст. Ӯро, ки моро дӯст
медорад, ва моро аз гуноҳҳоямон бо Хуни Худ халосӣ дод,
[6] Ва моро подшоҳон ва коҳинони Худо ва Падари Худ гардонд, то
абад ҷалол ва салтанат бод! Омин+.
[7] Инак, Ӯ бо абрҳо меояд, ва Ӯро ҳар чашм хоҳад дид, ва онҳое низ,
ки Ӯро найза заданд; ва ҳамаи қабилаҳои рӯи замин дар ҳаққи Ӯ
навҳа хоҳанд кард. Оре, омин+.
[8] «Ман Алфа ва Омега*, ибтидо ва интиҳо ҳастам», мегӯяд
Худованд, Он ки ҳаст ва буд ва хоҳад омад, Худованди Қодири
Мутлақ.

## Рӯъё дар Патмӯс.

[9] Ман, Юҳанно, ки бародари шумо ва шарики андӯҳ ва малакут ва
сабри Исои Масеҳ ҳастам, аз барои каломи Худо ва шаҳодати Исои
Масеҳ дар ҷазираи Патмӯс будам+.
[10] Ва дар рӯзи Худованд дар Рӯҳ будам ва аз қафои худ овози
баланде монанди садои карнай шунидам, ки мегуфт: «Ман Алфа ва
Омега, Аввалин ва Охирин ҳастам;+

11 Он чи мебинӣ, дар китобе бинавис ва ба ҳафт калисое ки дар
вилояти Осиё мебошанд, бифирист: ба Эфсӯс, ва Исмирно, ва
Парғомус, ва Тиётиро, ва Сардис, ва Филоделфия, ва Лудкия».
12 Ман руҷӯъ намудам, то овозеро, ки ба ман сухан мегуфт,
бубинам; ва чун руҷӯъ намудам, ҳафт чароғдони тилло дидам,+
13 Ва дар миёни ҳафт чароғдон касеро монанди Писари Одам, ки
камзӯли дарозе дар бар дошт ва бар синааш камарбанди тилло баста
буд;+
14 Сари Ӯ ва мӯи Ӯ мисли пашм ё барф сафед буд; ва чашмони Ӯ
мисли шӯълаи оташ;+
15 Ва пойҳои Ӯ монанди мисе ки дар кӯра сурх шуда бошад; ва
овози Ӯ мисли шувваси обҳои бисьёр;+
16 Ва Ӯ дар дасти рости Худ ҳафт ситора дошт, ва аз даҳони Ӯ
шамшери дудама берун меомад; ва рӯи Ӯ мисли офтобе буд, ки дар
қувваташ медурахшад+.
17 Ва ҳангоме ки Ӯро дидам, бар пойҳояш мисли мурда афтодам,
ва Ӯ дасти рости Худро бар ман гузошта, гуфт: «Натарс; Манам
Аввалин ва Охирин+
18 Ва Зинда; ва Ман мурда будам, ва инак то абад зинда ҳастам,
омин; ва калидҳои дӯзах ва мамот дар дасти Ман аст+.

## Сирри рӯъё.

19 Пас бинавис он чи ту дидаӣ, ва он чи ҳаст, ва он чи баъд аз ин
бояд ба вуқӯъ ояд.
20 Сирри ҳафт ситорае ки дар дасти рости Ман дидӣ, ва ҳафт
чароғдони тилло чунин аст: ҳафт ситора фариштагони ҳафт калисо
ҳастанд, ва ҳафт чароғдон ҳафт калисо мебошанд».

## Нома ба калисои Эфсӯс.

## (Норасогии муҳаббат).

2 [1] Ба фариштаи калисои Эфсӯс бинавис: «Ӯ, ки дар дасти рости
Худ ҳафт ситора дорад ва дар миёни ҳафт чароғдони тилло
мегардад, чунин мегӯяд:+
[2] Аъмоли туро медонам, ва меҳнати туро, ва сабри туро, ва ин ки
ту ба шарирон наметавонӣ тоб оварӣ, ва онҳоеро, ки худро ҳаввории
меноманд, вале чунин нестанд, имтиҳон кардаӣ ва онҳоро дурӯғгӯ
ёфтаӣ;+
[3] Ва сабр дорӣ, ва барои исми Ман бисьёр чизҳоро аз сар
гузарондаӣ, ва бемадор нагаштаӣ.
[4] Аммо иддаое бар ту дорам, ки муҳаббати аввалини худро тарк
кардаӣ+.
[5] Пас ба ёд ор, ки аз куҷо афтодаӣ, ва тавба кун ва аъмоли
пештараро ба ҷо овар; вагар на, ба зудӣ назди ту меоям ва
чароғдонатро аз ҷояш меҷунбонам, агар тавба накунӣ.
[6] Лекин фазилати ту ин аст, ки аз аъмоли николосиён нафрат
дорӣ, ки Ман низ аз аъмоли онҳо нафрат дорам.
[7] „Ҳар кӣ гӯш дорад, бишнавад, ки Рӯҳ ба калисоҳо чӣ мегӯяд: касе
ки ғолиб ояд, ба вай ато хоҳам кард, ки аз дарахти ҳаёте ки дар
биҳишти Худост, бихӯрад“»+.

## Нома ба калисои Исмирно.

## (Таъқиботи яҳудиёни имондор).

[8] Ва ба фариштаи калисои Исмирно бинавис: «Аввалин ва Охирин,
ки мурда буд ва зинда шуд, чунин мегӯяд:+
[9] „Аъмоли туро медонам, ва андӯҳи туро, ва бенавоии туро, —
валекин ту сарватдор ҳастӣ, — ва куфри онҳоеро, ки худро яҳудӣ
мегӯянд, вале чунин нестанд, балки куништи шайтонанд+.
[10] Аз машаққатҳое ки бояд ба сарат ояд, натарс. Инак, иблис
баъзеро аз миёни шумо дар зиндон хоҳад андохт, то ки шуморо
биозмояд, ва шумо даҳ рӯз дар андӯҳ хоҳед афтод. То дами мамот
амин бош, ва тоҷи ҳаётро ба ту хоҳам дод+.

11 Ҳар кӣ гӯш дорад, бишнавад, ки Рӯҳ ба калисоҳо чӣ мегӯяд: касе
ки ғолиб ояд, аз мамоти дуюм зараре нахоҳад дид“»+.

## Нома ба калисои Парғомус.

## (Дар миёни имондорон николосиён ҳастанд).

12 Ва ба фариштаи калисои Парғомус бинавис: «Ӯ, ки шамшери
дудама дорад, чунин мегӯяд:+
13 „Аъмоли туро медонам, ва маскани туро, ки тахти шайтон дар
он ҷост; ва ту исми Маро маҳкам нигоҳ доштаӣ ва ҳатто дар айёме ки
шоҳиди амини Ман Антипас дар миёни шумо, дар ҷое ки шайтон
сокин аст, кушта шуд, имони Маро тарк накардаӣ.
14 Аммо иддаои каме бар ту дорам, чунки дар он ҷо назди ту
пайравони таълимоти Билъом ҳастанд, ки вай Болоқро таълим дода
буд, ки дар сари роҳи банӣ-Исроил дом ниҳад, то ки онҳо
курбониҳои бутҳоро бихӯранд ва зино кунанд+.
15 Ҳамчунин назди ту пайравони таълимоти николосиён ҳастанд,
ки аз он таълимот Ман нафрат дорам+.
16 Пас тавба кун, вагар на, ба зудӣ назди ту хоҳам омад ва бо
шамшери забони Худ бо онҳо ҷанг хоҳам кард+.
17 Ҳар кӣ гӯш дорад, бишнавад, ки Рӯҳ ба калисоҳо чӣ мегӯяд: касе
ки ғолиб ояд, ба вай ато хоҳам кард, ки аз манни ниҳонӣ бихӯрад; ва
ба вай санги сафеде хоҳам дод, ва бар ин санг исми наве навишта
шудааст, ки онро ҳеҷ кас намедонад, ҷуз касе ки онро гирифтааст“»+.

## Нома ба калисои Тиётиро.

## (Он чи доред, маҳкам нигоҳ доред).

18 Ва ба фариштаи калисои Тиётиро бинавис: «Писари Худо, ки
чашмонаш мисли шӯълаи оташ аст, ва пойҳояш мисли миси барроқ
аст, чунин мегӯяд:+
19 Аъмоли туро медонам, ва муҳаббати туро, ва хизмати туро, ва
имони туро, ва сабри туро, ва ин ки аъмоли оҳиринат аз аввалинат
бештар аст.
20 Аммо иддаои каме бар ту дорам, зеро ба зане Изобал ном, ки
худро набия меномад, роҳ медиҳӣ; вай бандагони Маро таълим дода,

дар иштибоҳ меандозад, то ки онҳо зино кунанд ва қурбониҳои
бутҳоро бихӯранд+.
[21] Ман ба вай фурсат додам, ки аз зинокории худ тавба кунад,
валекин вай тавба накард+.
[22] Инак, Ман вайро бар бистаре меандозам, ва онҳоеро, ки бо вай
зино мекунанд, гирифтори андӯҳи азиме мегардонам, агар аз
аъмоли худ тавба накунанд.
[23] Ва фарзандони вайро ба қатл мерасонам, ва ҳамаи калисоҳо
хоҳанд донист, ки Ман Имтиҳонкунандаи дилҳо ва ботинҳо ҳастам,
ва ба ҳар яке аз шумо мувофиқи аъмолаш подош хоҳам дод+.
[24] Валекин ба шумо ва касони дигаре ки дар Тиётиро ҳастанд, ва
ҳамаи онҳое ки ин таълимотро пайравӣ накардаанд ва, чунон ки
мегӯянд, аз умқҳои шайтон хабар надоранд, мегӯям: бар шумо бори
дигаре намегузорам;
[25] Фақат он чи доред, маҳкам нигоҳ доред, то даме ки биёям+.
[26] Ва касе ки ғолиб ояд ва аъмоли Маро то ба охир риоят кунад, ба
вай бар халқҳо қудрат хоҳам бахшид,+
[27] Ва онҳоро вай бо асои оҳанин чӯпонӣ хоҳад кард, ва онҳо мисли
кӯзаи кулол ҳоҳанд шикаст, — чунон ки Ман низ аз Падари Худ
қудрат ёфтаам.
[28] Ва ба вай ситораи субҳро ато хоҳам кард.
[29] „Ҳар кӣ гӯш дорад, бишнавад, ки Рӯҳ ба калисоҳо чӣ мегӯяд“»+.

## Нома ба калисои Сардис.

## (Касе ки ғолиб ояд, либоси сафед дар бар хоҳад кард).

3 [1] Ва ба фариштаи калисои Сардис бинавис: «Ӯ, ки ҳафт рӯҳи
Худо ва ҳафт ситора дорад, чунин мегӯяд: „Аъмоли туро медонам;
агарчи ту ном дорӣ, ки зинда ҳастӣ, валекин мурда ҳастӣ+.
[2] Бедор бош ва бақиятеро, ки наздик ба мурдан аст, устувор намо,
зеро ки Ман аъмоли туро дар пеши Худои Худ комил наёфтаам.
[3] Ба ёд ор, ки он чи дорӣ, чӣ гуна ёфтаӣ ва чӣ гуна шунидаӣ, ва
онро нигоҳдорӣ намо ва тавба кун. Ва агар бедор набошӣ, Ман мисли
дузд бар сари ту ҳоҳам омад, ва ту нахоҳӣ донист, ки дар кадом соат
бар сари ту меоям+.
[4] Валекин назди ту дар Сардис якчанд нафар ҳастанд, ки либоси
худро палид накардаанд ва дар либоси сафед бо Ман ҳоҳанд гашт,
чунки онҳо сазовори ин мебошанд+.
[5] Касе ки ғолиб ояд, либоси сафед дар бар ҳоҳад кард; ва Ман номи
вайро аз дафтари ҳаёт пок нахоҳам кард ва номи вайро ба ҳузури
Падари Худ ва ба ҳузури фариштагони Ӯ эътироф хоҳам кард+.
[6] Ҳар кӣ гӯш дорад, бишнавад, ки Рӯҳ ба калисоҳо чӣ мегӯяд“»+.

## Нома ба калисои Филоделфия.

## (Касе ки ғолиб ояд, Худованд вайро рукне дар маъбади Худо мегардонад).

[7] Ва ба фариштаи калисои Филоделфия бинавис: «он Қуддус ва
Ҳақ, ки калиди Довудро дорад, ки мекушояд — ва ҳеҷ кас нахоҳад
баст, ва мебандад — ва ҳеҷ кас нахоҳад кушод, чунин мегӯяд:+
[8] Аъмоли туро медонам; инак, Ман дареро барои ту кушодаам, ва
ҳеҷ кас наметавонад онро бандад; ту қуввати каме дорӣ, ва каломи
Маро риоят намудаӣ, ва исми Маро инкор накардаӣ.
[9] Инак, Ман тавре амал мекунам, ки аз куништи шайтон, аз онҳое
ки худро яҳудӣ мегӯянд, вале чунин нестанд, балки дурӯғ мегӯянд, —
инак, Ман тавре амал мекунам, ки онҳо омада, пеши пойҳои ту
таъзим намоянд ва бидонанд, ки Ман туро дӯст доштаам:+
[10] Ва азбаски ту каломи сабри Маро нигоҳдорӣ намудаӣ, Ман низ
туро аз соати озмоиш нигоҳдорӣ хоҳам кард, ки он бар тамоми ҷаҳон

хоҳад омад, то ки сокинони рӯи заминро имтиҳон кунад+.
[11] Инак, ба зудӣ меоям; он чи дорӣ, маҳкам нигоҳ дор, то ки касе
тоҷи туро нагирад+.
[12] Касе ки ғолибояд, вайро дар маъбади Худои Худ рукне хоҳам
гардонд, ва дигар вай берун нахоҳад рафт; ва исми Худои Худро ва
исми шаҳри Худои Худро, яъне Ерусалими навро, ки аз осмон аз
ҷониби Худои Ман нузул мекунад, ва исми нави Худро бар вай хоҳам
навишт+.
[13] „Ҳар кӣ гӯш дорад, бишнавад, ки Рӯҳ ба калисоҳо чӣ мегӯяд“»+.

## Нома ба калисои Лудкия.

## (Ғаюр бош ва тавба кун).

[14] Ва ба фариштаи калисои Лудкия бинавис: «Омин, ки шоҳиди
амин ва ҳақ, ибтидои хилқати Худост, чунин мегӯяд:+
[15] „Аъмоли туро медонам; ту на сард ҳастӣ на гарм; о, кошки ту
сард ё гарм мебудӣ!
[16] Лекин азбаски ту ширгарм ҳастӣ, яъне на гарм ва на сард,
бинобар ин туро аз даҳони Худ қай хоҳам кард.
[17] Зеро ки ту мегӯӣ: «Ман сарватдор ҳастам, сарват ғун кардаам ва
ба ҳеҷ чиз эҳтиёҷ надорам»; аммо намедонӣ, ки ту бадбахт ва ҳақир
ва мискин ва нобино ва бараҳна ҳастӣ+.
[18] Ба ту маслиҳат медиҳам, ки аз Ман тиллои дар оташ
сурхшударо бихарӣ, то ки сарватдор шавӣ; ва либоси сафедро, то ки
бипӯшӣ, ва расвоии бараҳнагии ту аён нашавад; ва сурмаро, то ки ба
чашмони худ кашида, бино шавӣ+.
[19] Ҳар киро Ман дӯст дорам, мазаммат мекунам ва ҷазо медиҳам.
Пас ғаюр бош ва тавба кун+.
[20] Инак, назди дар истода, тақ-тақ мекунам: агар касе овози Маро
шунида, дарро воз кунад, назди ӯ даромада, бо ӯ таоми шом хоҳам
хӯрд, ва ӯ бо Ман+.
[21] Касе ки ғолибояд, ба вай ато хоҳам кард, ки бо Ман бар тахти
Ман биншинад, чунон ки Ман низ ғолиб омада, бо Падари Худ бар
тахти Ӯ нишастам+.
[22] Ҳар кӣ гӯш дорад, бишнавад, ки Рӯҳ ба калисоҳо чӣ мегӯяд“»+.

## Худое ки бар тахт нишастааст.

**4** 1 Баъд аз ин ман назар андохтам, ва инак, даре бар осмон
кушода шуд, ва он овози пештара, ки ҳамчун садои карнай шунида
будам, ки бо ман сухан меронд, гуфт: «Ба ин ҷо сууд намо, то он
чиро, ки баъд аз ин бояд ба вуқӯъ ояд, ба ту нишон диҳам»+.
2 Ва дарҳол ман дар Рӯҳ шудам; ва инак, тахте дар осмон меистод,
ва бар тахт Нишинандае буд;+
3 Ва намуди Он Нишинанда монанди санги яшм ва ақиқ буд, ва
рангинкамоне гирдогирди тахт, ва намуди он монанди зумуррад+.

## Пироне ки бар тахтҳо нишастаанд.

4 Ва гирдогирди тахт бисту чор тахт; ва бар тахтҳо бисту чор
пирро нишаста дидам, ки либосҳои сафед дар бар карда буданд ва
бар сарҳошон тоҷҳои тилло доштанд+.
5 Ва аз тахт барқҳо ва раъдҳо ва овозҳо мебаромаданд, ва ҳафт
машъали оташин дар пеши тахт фурӯзон буданд, ки онҳо ҳафт рӯҳи
Худо мебошанд+.

## Чор ҳайвоне ки Қодири Мутлақро ҷалол медиҳанд.

6 Ва дар пеши тахт баҳре аз шиша, монанди булӯр; ва дар миёнаи
тахт ва гирдогирди тахт чор ҳайвон, ки аз пеш ва аз пас пур аз
чашмон буданд+.
7 Ва ҳайвони якум монанди шер, ва ҳайвони дуюм монанди
гӯсола, ва ҳайвони сеюм қиёфае мисли одам дошт, ва ҳайвони чорум
монанди уқобе ки дар парвоз бошад+.
8 Ва ҳар яке аз он чор ҳайвон гирдогирд шаш бол дошт, ва онҳо аз
дарун пур аз чашмонанд, ва шабу рӯз ором нагирифта, мегӯянд:
«Қуддус аст, куддус аст, куддус аст Худованд Худои Қодири Мутлақ,
ки Ӯ буд, ҳаст ва ҳоҳад омад»+.

## Ҳайвонҳо ва пирон ба Худои ҷовидонӣ саҷда мекунанд.

9 Ва ҳангоме ки он ҳайвонҳо ба Нишинандаи тахт, ки то абад
Зинда аст, ҷалол ва шавкат ва сипос медиҳанд, —
10 Он бисту чор пир пеши Нишинандаи тахт афтода, ба Ӯ, ки то
абад Зинда аст, саҷда мекунанд, ва тоҷҳои ҳудро пеши таҳт гузошта,
мегӯянд:

11 «Эй Худованд, Ту сазовори он ҳастӣ, ки ҷалол, шавкат ва қудрат
биёбӣ, зеро ки Ту ҳама чизро офаридаӣ,
ва ҳама чиз бар тибқи иродаи Ту вуҷуд дорад ва офарида шудааст»+.

## Китобе ки бо ҳафт мӯҳр баста шудааст.

5 [1] Ва дар дасти рости Нишинандаи тахт китобе дидам, ки аз
дарун ва аз берун навишта ва бо ҳафт мӯҳр баста шуда буд+.
[2] Ва фариштаи қавие дидам, ки бо овози баланд нидо мекунад:
«Кист сазовори он ки ин китобро воз кунад ва мӯҳрҳои онро
бардорад?»
[3] Ва ҳеҷ кас на дар осмон, на бар замин, на дар зери замин
натавонист он китобро воз кунад ва ба он назар андозад.
[4] Ва ман бисьёр гиристам дар бораи он ки ҳеҷ каси сазоворе ёфт
нашуд, ки он китобро воз карда хонад ё лоақал ба он назар андозад.

## Барраи Худо, Масеҳ китобро мекушояд.

[5] Ва яке аз он пирон ба ман гуфт: «Гирья накун; инак, шере аз
сибти Яҳудо, ки решаи Довуд аст, ғолиб омад, то китобро воз кунад
ва ҳафт мӯҳри онро бардорад»+.
[6] Ва назар андохтам, ва инак, дар миёнаи тахт ва он чор ҳайвон ва
дар миёнаи он пирон Баррае, мисли забҳшуда, истодааст ва ҳафт шох
ва ҳафт чашм дорад, ки онҳо ҳафт рӯҳи Худо ҳастанд, ки ба тамоми
замин фиристода шудаанд+.
[7] Ва Ӯ омада, китобро аз дасти рости Нишинандаи тахт гирифт.

## Ҳайвонҳо ва пирон суруди наве барои Барра мехонанд.

[8] Ва ҳангоме ки Ӯ китобро гирифт, он чор ҳайвон ва бисту чор пир
пеши Барра афтоданд, дар ҳолате ки ҳар яке барбатҳо ва косаҳои
тиллои пур аз бухур дошт, ки онҳо дуоҳои муқаддасон ҳастанд;+
[9] Ва суруди наве хонда, мегӯянд:
«Ту сазовори он ҳастӣ, ки китобро воз кунӣ ва мӯҳрҳоро аз он
бардорӣ;
зеро ки Ту забҳ шудӣ ва бо Хуни Худ моро барои Худо аз ҳар сибт
ва забон ва қавм ва қабила харидӣ,+
[10] Ва моро подшоҳон ва коҳинони Худои мо гардондӣ; ва мо бар
замин салтанат хоҳем ронд»+.

## Фариштагон Бaррaро ҷалол медиҳанд.

[11] Ва дидам, ва овози фариштагони бисьёрро шунидам, ки
гирдогирди тахт ва он ҳайвонҳо ва пирон буданд, ва шумораи онҳо

беварҳо-бевар ва ҳазорҳо-ҳазор буд,+
12 Ки бо овози баланд мегуфтанд:
«Барраи забҳшуда сазовори он аст, ки қудрат,
ва сарват, ва ҳикмат, ва қувват, ва шавкат,
ва ҷалол, ва баракат биёбад»+.

## Коинот Нишинандаи тахт ва Барраро ҳамду сано мегӯяд.

13 Ва ҳар офаридае ки дар осмон, ва бар замин, ва дар зери замин,
ва дар баҳр аст, ва ҳар он чи дар онҳост, шунидам, ки мегуфт:
«Нишинандаи тахт ва Барраро баракат ва шавкат ва ҷалол ва
салтанат бод то абад»+.
14 Ва он чор ҳайвон гуфтанд: «Омин». Ва он бисту чор пир афтода,
ба Ӯ, ки то абад Зинда аст, саҷда карданд+.

## Мӯҳри якум — саворе бар аспи сафед.

# 6
1 Ва дидам, ки Барра яке аз ҳафт мӯҳрро бардошт, ва шунидам,
ки яке аз он чор ҳайвон бо овози монанди раъд мегӯяд: «Биё ва
бубин»+.
2 Ва назар андохтам, ва инак, аспи сафед, ва бар он — саворе ки
камон дорад, ва ба ӯ тоҷ дода шудааст: ва ӯ ғалабакунон берун омад,
то ғалаба кунад+.

## Мӯҳри дуюм — аспи куранд (осоиштагӣ аз замин гирифта шуд).

3 Ва ҳангоме ки Ӯ мӯҳри дуюмро бардошт, ҳайвони дуюмро
шунидам, ки мегӯяд: «Биё ва бубин».
4 Ва аспи дигари куранд берун омад, ва ба савори он ихтиёр дода
шудааст, ки осоиштагиро аз замин бигирад, то ки якдигарро ба қатл
расонанд; ва ба вай шамшери бузурге дода шудааст+.

## Мӯҳри сеюм — саворе бар аспи сиёҳмушкин (қаҳтӣ).

5 Ва ҳангоме ки Ӯ мӯҳри сеюмро бардошт, ҳайвони сеюмро
шунидам, ки мегӯяд: «Биё ва бубин». Ва назар андохтам, ва инак,
аспи сиёҳмушкин, ва савори он дар дасташ тарозуе дорад.
6 Ва овозе аз миёни он чор ҳайвон шунидам, ки мегӯяд: «Як
андозаи гандум ба як динор, ва се андозаи ҷав ба як динор; вале ба
равғани зайтун ва шароб зарар нарасон»+.

## Мӯҳри чорум — саворе бар аспи саманд (мамот).

7 Ва ҳангоме ки Ӯ мӯҳри чорумро бардошт, овози ҳайвони
чорумро шунидам, ки мегӯяд: «Биё ва бубин».
8 Ва назар андохтам, ва инак, аспи саманд, ва бар он — саворе ки
номаш мамот аст; ва дӯзах аз қафояш меомад, ва ба вай ихтиёри
чорьяки замин дода шудааст, то ки бо шамшер ва қаҳтӣ, ва бо вабо ва
ҳайвоноти ваҳшии замин одамонро бикушад+.

## Мӯҳри панҷум — риёзаткашон дар таги қурбонгоҳ.

9 Ва ҳангоме ки Ӯ мӯҳри панҷумро бардошт, дар таги қурбонгоҳ
ҷонҳои онҳоеро, ки барои каломи Худо ва барои шаҳодате ки
доштанд, кушта шуда буданд, дидам+.

[10] Ва онҳо бо овози баланд фиғон кашида гуфтанд: «То ба кай, эй
Парвардигори Қуддус ва Ҳақ, доварӣ намекунӣ ва интиқоми хуни
моро аз сокинони замин намегирӣ?»+
[11] Ва ба ҳар яке аз онҳо либоси сафед дода шуд, ва ба онҳо гуфта
шуд, ки боз муддати каме ором бошанд, то даме ки шумораи онҳо ва
ҳамкорони онҳо ва бародарони онҳо, ки мисли онҳо кушта хоҳанд
шуд, пурра шавад+.

## Мӯҳри шашум — ғазаби Барра (ҳодисаҳои пурдаҳшати табиат).

[12] Ва ҳангоме ки Ӯ мӯҳри шашумро бардошт, назар андохтам, ва
инак, заминҷунбии азиме ба вуқӯъ омад, ва офтоб мисли палоси
пашмин сиёҳ шуд, ва моҳтоб мисли хун гашт;+
[13] Ва ситораҳои осмон ба замин афтоданд, мисли дарахти анҷире
ки аз шамоли сахт ҷунбиш карда, анҷирҳои хоми худро мепартояд;+
[14] Ва осмон мисли тӯморе печида, нопадид шуд; ва ҳар кӯҳ ва
ҷазира аз ҷои худ ҷунбид;+
[15] Ва подшоҳони замин, ва олиҷоҳон, ва сарватдорон, ва
мириҳазорон, ва зӯроварон, ва ҳар ғулом ва озод дар мағораҳо ва
дараҳои кӯҳҳо пинҳон шуданд,+
[16] Ва ба кӯҳҳо ва сангҳо мегӯянд: «Бар мо биафтед ва моро аз
ҳузури Нишинандаи тахт ва аз ғазаби Барра пинҳон кунед;+
[17] Зеро ки рӯзи бузурги ғазаби Ӯ омадааст, ва кист, ки битавонад
истодагӣ намояд?»+

## Пеш аз бардоштани мӯҳри ҳафтум — мӯҳр бар пешонии бандагони Худо.

**7** 1 Ва баъд аз ин чор фариштаи дар чор гӯшаи замин истодаро
дидам, ки чор боди заминро нигоҳ медоштанд, то ки ба замин, ба
баҳр ва ба ҳеҷ дарахте бод навазад+.
2 Ва фариштаи дигаре дидам, ки аз ҷониби тулӯи офтоб сууд
менамояд ва мӯҳри Худои Ҳайро дорад. Ва бо овози баланд ба чор
фариштае ки вазифаашон ба замину баҳр зарар расондан буд, нидо
карда, мегӯяд:
3 «Ба замин, ба баҳр, ба дараҳтон зараре нарасонед, то даме ки бар
пешонии бандагони Худои мо мӯҳр занем»+.

## Наҷотъёфтагон аз дувоздаҳ сибти Исроил.

4 Ва шумораи мӯҳр зада шудагонро шунидам: саду чилу чор ҳазор
мӯҳр зада шудагон аз ҳамаи сибтҳои банӣ-Исроил:
5 Аз сибти Яҳудо дувоздаҳ ҳазор мӯҳр зада шудагон; аз сибти
Реубен дувоздаҳ ҳазор мӯҳр зада шудагон; аз сибти Ҷод дувоздаҳ
ҳазор мӯҳр зада шудагон;
6 Аз сибти Ошер дувоздаҳ ҳазор мӯҳр зада шудагон; аз сибти
Нафтолӣ дувоздаҳ ҳазор мӯҳр зада шудагон; аз сибти Менашше
дувоздаҳ ҳазор мӯҳр зада шудагон;
7 Аз сибти Шимъӯн дувоздаҳ ҳазор мӯҳр зада шудагон; аз сибти
Левӣ дувоздаҳ ҳазор мӯҳр зада шудагон; аз сибти Иссокор дувоздаҳ
ҳазор мӯҳр зада шудагон;
8 Аз сибти Забулун дувоздаҳ ҳазор мӯҳр зада шудагон; аз сибти
Юсуф дувоздаҳ ҳазор мӯҳр зада шудагон; аз сибти Биньёмин
дувоздаҳ ҳазор мӯҳр зада шудагон.

## Имондорон аз миёни ҳамаи қавмҳо аз азоби азим наҷот хоҳанд ёфт.

9 Баъд аз ин ман назар андохтам, ва инак, анбӯҳи бузурги мардум,
ки онро ҳеҷ кас наметавонист ба шумор оварад, аз ҳамаи қабилаҳо ва
сибтҳо, ва қавмҳо ва забонҳо дар пеши тахт ва дар пеши Барра
истодаанд, ки дар тан либосҳои сафед доранд ва шохаҳои нахл ба
даст гирифтаанд+.

10 Ва онҳо бо овози баланд нидо карда, мегӯянд: «Наҷот аз они
Худои мо, ки бар тахт нишастааст, ва аз они Барра аст!»+
11 Ва ҳамаи фариштаҳо гирдогирди тахт ва он пирон ва чор ҳайвон
меистоданд, ва пеши тахт бар рӯи худ афтода, ба Худо саҷда
карданд,+
12 Ва гуфтанд: «Омин! Баракат, ва ҷалол, ва ҳикмат, ва сипос, ва
шавкат, ва қудрат, ва қувват то абад аз они Худои мо бод! Омин»+.
13 Ва яке аз он пирон ба сухан оғоз карда, аз ман пурсид: «Ин
сафедпӯшон кистанд, ва аз куҷо омадаанд?»
14 Ба ӯ гуфтам: «Эй оғо, ту медонӣ». Ва ӯ ба ман гуфт: «Инҳо касоне
ҳастанд, ки аз азоби азим омадаанд; инҳо либосҳои худро шуста, бо
хуни Барра сафед кардаанд;+
15 Бинобар ин онҳо дар пеши тахти Худо меистанд ва шабу рӯз дар
маъбади Ӯ ба Ӯ хизмат мекунанд, ва Нишинандаи тахт дар миёни
онҳо сокин хоҳад буд;
16 Онҳо дигар гурусна ва ташна нахоҳанд монд, ва онҳоро офтоб ва
ҳеҷ гармо нахоҳад сӯзонд;+
17 Зеро Баррае ки дар миёнаи тахт аст, онҳоро чӯпонӣ хоҳад кард,
ва онҳоро ба чашмаҳои оби ҳаёт хоҳад бурд, ва Худо ҳар ашкро аз
чашмонашон пок хоҳад кард»+.

## Мӯҳри ҳафтум — хомӯшӣ.

8 [1] Ва ҳангоме ки Ӯ мӯҳри ҳафтумро бардошт, дар осмон
тақрибан ним соат хомӯшӣ барқарор шуд+.

## Шаш карнаи аввалин.

## Фаришта бо маҷмари тилло дуоҳои ҳамаи муқаддасонро ба забон меронад.

[2] Ва ҳафт фариштаро дидам, ки дар пеши Худо истодаанд, ва ба
онҳо ҳафт карнай дода шудааст+.
[3] Ва фариштаи дигаре омада, назди қурбонгоҳ истод, дар ҳолате
ки маҷмари тилло дар дасташ буд; ва ба вай бухури бисьёре дода
шудааст, то ки онро бо дуоҳои ҳамаи муқаддасон бар қурбонгоҳи
пеши тахт тақдим кунад+.
[4] Ва дуди бухур бо дуоҳои муқаддасон аз дасти фаришта ба ҳузури
Худо сууд намуд+.
[5] Ва фаришта маҷмарро гирифта, аз оташи қурбонгоҳ пур кард, ва
бар замин партофт; ва садоҳо, ва раъдҳо ва барқҳо, ва заминҷубӣ ба
вуқӯъ омад+.
[6] Ва он ҳафт фариштае ки ҳафт карнай доштанд, ба навохтан тайёр
шуданд.

## Карнаи якум — жола ва оташ омехта бо хун.

[7] Фариштаи якум карнай навоҳт, ва жола ва оташ омехта бо хун ба
вуҷуд омад, ва ба замин борид; ва сеяки дарахтон сӯхт, ва тамоми
алафи сабз сӯхт+.

## Карнаи дуюм — кӯҳи азими оташ дар баҳр сарнагун шуд.

[8] Фариштаи дуюм карнай навохт, ва чизе монанди кӯҳи азими
оташ дар баҳр сарнагун шуд; ва сеяки баҳр ба хун мубаддал гашт,+
[9] Ва сеяки махлуқоти ҷондори баҳр мурданд, ва сеяки киштиҳо
нобуд шуданд+.

## Карнаи сеюм — ситораи «Явшон».

[10] Фариштаи сеюм карнай навохт, ва аз осмон ситораи бузурге
афтод, ки монанди машъал фурӯзон буд, ва он бар сеяки дарьёҳо ва

бар чашмаҳои обҳо афтод+.
[11] Ва номи ин ситора Явшон буд; ва сеяки обҳо ба явшон мубаддал гашт, ва бисьёре аз одамон аз обҳо мурданд, чунки обҳо талх шуда буд+.

## Карнаи чорум ва сеяки офтоб, моҳтоб ва ситораҳо зарар мерасонад.

[12] Фариштаи чорум карнай навохт, ва сеяки офтоб ва сеяки моҳтоб ва сеяки ситораҳо зарар дид, ба тавре ки сеяки онҳо торик шуд, ва сеяки рӯз, — ва ҳамчунин шаб, — равшан набуд+.
[13] Ва як фариштаро дидам ва шунидам, ки дар миёнаи осмон парвоз карда, бо овози баланд мегӯяд: «Вой, вой, вой бар ҳоли сокинони замин аз садоҳои дигари карнайҳои се фаришта, ки хоҳанд навохт!»

## Карнаи панҷум — малаххо ва фариштаҳои варта.

9 1 Фариштаи панҷум карнай навохт, ва ситораи аз осмон ба
замин афтодаро дидам, ва ба вай калиди чоҳи варта дода
шудааст:+
2 Вай чоҳи вартаро воз кард, ва аз чоҳ дуде мисли дуди танӯри
бузурге берун омад; ва офтоб ва ҳаво аз дуди чоҳ торик шуд.
3 Ва аз дуд бар замин малаххо баромаданд, ва ба онҳо он қудрате
дода шудааст, ки каждумҳои замин доранд+.
4 Ва ба онҳо гуфта шудааст, ки ба алафи замин, ва ба ҳеҷ сабзае, ва
ба ҳеҷ дарахте зарар нарасонанд, балки фақат ба одамоне ки бар
пешонии шуд мӯҳри Худоро надоранд+.
5 Ва ба онҳо ихтиёр дода шудааст, ки одамонро накушанд, балки
фақат панҷ моҳ азоб диҳанд; ва азоби онҳо монанди азоби каждум
аст, вақте ки одамро заҳр мезанад.
6 Дар он айём одамон толиби марг хоҳанд шуд, вале онро
наҳоҳанд ёфт; мурданро орзу хоҳанд кард, вале мамот аз онҳо хоҳад
гурехт+.
7 Намуди он малаххо монанди аспҳое буд, ки барои ҷанг ороста
шуда бошанд; бар каллаҳошон гӯё ки тоҷҳои тиллое буд, ва
рухсорҳошон мисли рухсорҳои одамон;+
8 Ва мӯйҳошон мисли мӯйҳои занон, ва дандонҳошон мисли
дандонҳои шер;+
9 Ва ҷавшанҳошон мисли ҷавшанҳои оҳанин, ва садои болҳошон
мисли тақар-тақари аробаҳои ҷангӣ, вақте ки аспҳои бисьёр ба
корзор мераванд;+
10 Онҳо думҳое доштанд мисли каждумҳо, ва дар думҳошон —
нешҳо, ва қудраташон ин буд, ки ба одамон панҷ моҳ зарар расонанд.
11 Онҳо бар худ подшоҳе доштанд, ки фариштаи варта аст; номи он
ба забони ибронӣ Абаддӯн ва ба забони юнонӣ Апӯллийӯн аст.
12 Як мусибат гузашт; инак, аз қафои он боз ду мусибат меояд+.

## Карнаи шашум — чор фариштаи ҳалокатовар.

13 Фариштаи шашум карнай навохт, ва аз чор шохи қурбонгоҳи
тилло, ки дар пеши Худо истода буд, овозе шунидам,+

[14] Ки ба фариштаи шашуми карнайдор мегуфт: «Он чор фариштаро, ки назди дарьёи бузурги Фурот дар қайду банд мебошанд, озод намо»+.

[15] Ва он чор фаришта озод гардиданд, ки барои соат ва рӯз ва моҳ ва соли муайян тайёр шуда буданд, то ки сеяки одамонро бикушанд+.

[16] Шумораи қӯшуни савора ду бевари беварҳо* буд: ман шумораи онро шунидам.

[17] Ба ҳамин тариқа ман дар рӯъё аспон ва саворони онҳоро дидам, ки ҷавшанҳое ба ранги оташ ва ёқути зард ва кибрит доштанд; каллаҳои аспон мисли каллаҳои шерон буд, ва аз даҳони онҳо оташ, дуд ва кибрит мебаромад.

[18] Аз ин се бало, яъне оташ, дуд ва кибрит, ки аз даҳони онҳо мебаромад, сеяки одамон мурданд;

[19] Зеро ки қудрати аспон дар даҳонашон ва дар думҳошон буд; ва думҳошон монанди морҳо буда, калла доштанд, ва ба воситаи онҳо осеб мерасонданд.

[20] Ва боқии одамон, ки аз ин балоҳо намурда буданд, аз аъмоли дастҳои худ тавба накарданд, ва ибодати девҳо ва бутҳои тилло, нуқра, мис, санг ва чӯбро, ки ба дидан, шунидан ва роҳ рафтан қодир нестанд, тарк нанамуданд+.

[21] Ва онҳо аз одамкушиҳо, ҷодугариҳо, зинокорӣ ва дуздиҳои худ тавба накарданд+.

## Фариштa бо китоби кушода.

10 [1] Ва фариштаи қавии дигаре дидам, ки аз осмон нузул
мекард, ва бо абре фаро гирифта шуда буд, рангинкамоне бар
сараш буд ва рухсораш монанди офтоб ва пойҳояш мисли сутунҳои
оташин;+
[2] Дар дасташ китоби кушодае буд. Ва пои росташро бар баҳр
гузошт, ва пои чапашро бар замин,+
[3] Ва бо овози баланд нидо кард, чунон ки шер наъра мекашад; ва
ҳангоме ки вай нидо кард, ҳафт раъд бо садоҳои худ сухан гуфтанд+.
[4] Ва ҳангоме ки ҳафт раъд бо садоҳои худ сухан гуфтанд,
мехостам бинависам; лекин овозе аз осмон шунидам, ки ба ман
мегӯяд: «Он чи ҳафт раъд гуфтанд, мӯҳр зан ва инро нанавис»+.
[5] Ва он фаришта, ки ӯро дидам бар баҳр ва бар замин истода буд,
дасташро сӯи осмон бардошт,
[6] Ва ба Ӯ, — ки то абад Зинда аст, ва осмон ва ҳар чиро, ки дар он
аст, ва замин ва ҳар чиро, ки дар он аст, ва баҳр ва ҳар чиро, ки дар он
аст, офаридааст, — қасам ёд кард, ки дигар вақт нахоҳад буд,
[7] Балки дар айёме ки садои фариштаи ҳафтум барояд, яъне вақте
ки вай карнай навозад, сирри Худо анҷом ҳоҳад ёфт, чунон ки Ӯ ба
бандагони Худ — анбиё башорат додааст+.

## Овозе аз осмон ба нубувват кардан амр мефармояд.

[8] Ва овозе ки аз осмон шунидам, боз ба ман сухан ронда, гуфт:
«Бирав ва китоби кушодаро аз дасти фариштае ки бар баҳр ва бар
замин истодааст, бигир».
[9] Ва назди фаришта рафта, ба вай гуфтам: «Китобро ба ман деҳ».
Гуфт: «Онро бигир ва бихӯр; он дар шикамат талх ҳоҳад шуд, аммо
дар даҳонат мисли асал ширин ҳоҳад буд»+.
[10] Ва китобро аз дасти фаришта гирифта, хӯрдам; ва он дар
даҳонам мисли асал ширин буд; лекин вақте ки онро хӯрдам,
шикамам талх шуд.
[11] Ва ба ман гуфт: «Ту боз дар бораи қавмҳо, ва қабилаҳо, ва
забонҳо, ва подшоҳони бисьёр бояд нубувват кунӣ».

## Андоза кардани маъбад.

11 [1] Ва ба ман нае дода шуд, ки монанди асо буд, ва гуфта шуд:
«Бархез ва маъбади Худо ва қурбонгоҳро андоза намо ва
касонеро, ки дар он ибодат мекунанд, бишумор;+
[2] Вале рӯи ҳавлии маъбадро истисно бикун ва андоза накун, зеро
ки он ба ҳалқҳо дода шудааст: онҳо шаҳри муқаддасро чилу ду моҳ
поймол ҳоҳанд кард+.

## Ду шоҳиди Худо бар замин нубуввват мекунанд.

[3] Ва ба ду шоҳиди Худ қудрате ато ҳоҳам кард, ва онҳо ҳазору
дусаду шаст рӯз нубуввват ҳоҳанд намуд, дар ҳолате ки палос дар бар
карда бошанд».
[4] Инҳо ду дарахти зайтун ва ду чароғдоне ҳастанд, ки дар пеши
Худованди замин истодаанд+.
[5] Ва агар касе бихоҳад онҳоро озор диҳад, аз даҳонашон оташ
баромада, душманони онҳоро меҳӯрад; ба ин тариқ, ҳар кӣ бихоҳад
онҳоро озор диҳад, кушта мешавад+.
[6] Онҳо қудрат доранд осмонро бандубаст кунанд, то ки дар рӯзҳои
нубувваташон ба замин борон наборад; ва бар обҳо қудрат доранд, ки
онҳоро ба хун табдил диҳанд, ва заминро, ҳар вақте ки бихоҳанд, ба
ҳар гуна бало гирифтор кунанд+.
[7] Ва ҳангоме ки онҳо шаҳодати худро анҷом диҳанд, ҳайвони
ваҳшие ки аз варта мебарояд, бо онҳо ҷангида, бар онҳо ғолиб хоҳад
омад, ва онҳоро хоҳад кушт+.
[8] Ва ҷасадҳои онҳо дар кӯчаи шаҳри бузург, ки ба киноя Садӯм ва
Миср ном дорад, ва дар он ҷо Худованди мо низ маслуб шудааст,
воқеъ хоҳад буд+.
[9] Ва мардуми зиёде аз қавмҳо, ва сибтҳо, ва забонҳо, ва қабилаҳо
се ва ним рӯз ба ҷасадҳои онҳо назар хоҳанд кард ва нахоҳанд
гузошт, ки ҷасадҳои онҳоро ба гӯр супоранд+.
[10] Ва сокинони ҷаҳон аз ин шод ва хурсанд шуда, ба якдигар
инъомҳо хоҳанд фиристод, чунки ин ду набӣ сокинони ҷаҳонро
азият додаанд.
[11] Валекин баъд аз се ва ним рӯз рӯҳи ҳаёт аз ҷониби Худо
андаруни онҳо дохил шуд, ва ҳар дуяшон ба по бархостанд; ва

касонеро, ки ба онҳо назар мекарданд, тарси азиме фаро гирифт+.
12 Ва онҳо овози баланде аз осмон шуниданд, ки ба онҳо мегуфт:
«Ба ин ҷо сууд кунед». Ва онҳо бар абр ба осмон сууд карданд; ва
душманонашон ба онҳо назар мекарданд+.

## Заминҷунбии азим.

13 Ва дар ҳамон соат заминҷунбии азиме рӯй дод, ва даҳьяки шаҳр
фурӯ ғалтид, ва дар заминҷунбӣ ҳафт ҳазор одам нобуд шуд; ва
боқимондагон ба ҳарос афтоданд ва Худои Осмонро ҳамду сано
хонданд+.
14 Мусибати дуюм гузашт; инак, мусибати сеюм ба зудӣ меояд+.
15 Ва фариштаи ҳафтум карнай навохт, ва дар осмон овозҳои
баланд баромаданд, ки мегуфтанд: «Салтанати ҷаҳон салтанати
Худованди мо ва Масеҳи Ӯ гардидааст, ва Ӯ то абад салтанат хоҳад
ронд»+.
16 Ва он бисту чор пир, ки дар пеши Худо бар тахтҳои худ
нишастаанд, бар рӯи худ афтода, Худоро ибодат карданд+.
17 Ва гуфтанд: «Туро шукр мегӯем, эй Худованд Худои Қодири
Мутлақ, ки Ту ҳастӣ ва будӣ ва хоҳӣ омад, ва Ту бар тибқи қуввати
бузурги Худ амал карда, бар тахти салтанат нишастӣ+.
18 Ва халқҳо дар қаҳр шуданд; ва ғазаби Ту омад, ва вақти он расид,
ки мурдагонро доварӣ намоӣ ва ба бандагони Худ, яъне ба анбиё ва
муқаддасон ва касоне ки аз исми Ту метарсанд, ҳам ба хурдон ва ҳам
ба бузургон подош диҳӣ ва нобудкунандагони заминро нобуд
кунӣ»+.
19 Ва маъбади Худо дар осмон воз шуд, ва сандуқи аҳди Ӯ дар
маъбади Ӯ зоҳир гардид; ва барқҳо ва садоҳо, ва раъдҳо ва
заминҷунбӣ ва жолаи бузурге ба вуқӯъ омад+.

## Зан ва кӯдаки вай.

## Зане ки либосаш офтоб аст.

**12** [1] Ва аломати бузурге дар осмон зоҳир шуд: зан, ки либосаш
офтоб аст, моҳтоб дар зери пойҳояш, ва тоҷе иборат аз дувоздаҳ
ситора бар сараш+.
[2] Вай ҳомиладор буд, ва аз дард ва азоби зоиш фарьёд мезад.

## Аждаҳои ҳафтсар занро бо кӯдаки вай таъқиб мекунад.

[3] Ва аломати дигаре дар осмон зоҳир шуд: инак, аждаҳои бузурги
сурх, ки ҳафт калла ва даҳ шоҳ дорад, ва бар каллаҳояш ҳафт афсар;+
[4] Думи он сеяки ситораҳоро аз осмон кашида, бар замин афканд.
Ин аждаҳо пеши зане ки бояд мезоид, истод, то ки ҳангоми зоидани
вай кӯдаки вайро фурӯ барад+.
[5] Вай писаре зоид, ки ӯ бояд ҳамаи халқҳоро бо асои оҳанин
чӯпонӣ кунад: ва писари вай сӯи Худо ва тахти Ӯ бурда шуд+.
[6] Ва он зан ба биёбон гурехт, ки дар он ҷо барои вай аз ҷониби
Худо маконе муҳайё гардидааст, то ки ба вай ҳазору дусаду шаст рӯз
ғизо дода шавад+.

## Фариштаи муқарраб Микоил аждаҳоро бар замин сарнагун мекунад.

[7] Ва дар осмон ҷанг шуд: Микоил ва фариштаҳояш ба муқобили
аждаҳо меҷангиданд, ва аждаҳо ва фариштаҳояш меҷангиданд,+
[8] Аммо натавонистанд истодагӣ кунанд, ва дар осмон барои онҳо
дигар ҷое ёфт нашуд.
[9] Ва аждаҳои бузург сарнагун шуд, яъне он мори қадимӣ, ки иблис
ва шайтон ном дорад ва тамоми ҷаҳонро фиреб мекунад. Вай ва
фариштаҳояш бо вай сарнагун шуданд+.
[10] Ва овози баланде дар осмон шунидам, ки мегӯяд: «Акнун наҷот
ва қувват ва Малакути Худои мо ва қудрати Масеҳи Ӯ фаро расид,
чунки маломатгари бародарони мо, ки дар ҳаққи онҳо шабу рӯз дар
пеши Худои мо маломат мекард, сарнагун шуд;+
[11] Онҳо бар вай ба василаи хуни Барра ва каломи шаҳодати худ
ғолиб омаданд ва ҷони худро то ба ҳадди мамот гиромӣ надоштанд+.

12 Пас, шодӣ кунед, эй афлок ва сокинони он! Вой бар ҳоли
сокинони замин ва баҳр, чунки назди шумо иблис бо хашми зӯре
нузул кардааст, чун медонад, ки вақташ кам мондааст!»+

## Аждаҳои иблис боз занро бо кӯдаки вай ва боқии насли вай таъқиб мекунад.

13 Ва чун аждаҳо дид, ки бар замин сарнагун шуд, занеро, ки писар
зоида буд, таъқиб намуд.
14 Ва ба он зан ду боли уқоби бузурге дода шуд, то ки вай аз пеши
мор ба биёбон ба макони худ парвоз кунад, ва дар он ҷо дар давоми
замон ва замонҳо ва нисфи замон ғизо гирад+.
15 Ва мор аз даҳонаш аз ақиби зан обе мисли дарьё сар дод, то ки
дарьё вайро барад.
16 Лекин замин ба зан мадад кард, ва замин даҳонашро кушода, он
дарьёро, ки аждаҳо аз даҳонаш сар дода буд, фурӯ бурд.
17 Ва аждаҳо ба зан дарғазаб шуда, рафт, то бо боқии насли вай, ки
аҳкоми Худоро риоят мекунанд ва шаҳодати Исои Масеҳро доранд,
ҷанг кунад+.

## Ду ҳайвони ваҳшии шайтон:

## зиддимасеҳ ва набии вай.

### 1. Ҳайвони ваҳшии ҳафтсар, ки аз баҳр берун меояд.

**13** 1 Ва бар реги баҳр истода, ҳайвони ваҳшиеро дидам, ки аз
баҳр берун меояд, ва ҳафт калла ва даҳ шох дорад, ва бар
шохҳояш даҳ афсар, ва бар каллаҳояш номҳои куфр+.
2 Ҳайвони ваҳшие ки ман дидам, монанди паланг буд, пойҳояш
мисли пойҳои хирс, ва даҳонаш мисли даҳони шер; ва аждаҳо
қуввати худ ва тахти худ ва қудрати бузурге ба вай дода буд+.
3 Ва дидам, ки яке аз каллаҳои вай гӯё ба дараҷаи марговар ярадор
шудааст, валекин он яраи марговар шифо ёфтааст. Ва тамоми аҳли
замин дар ҳайрат афтода, аз паи ҳайвони ваҳшӣ рафтанд; ва
аждаҳоро, ки ба ҳайвони ваҳшӣ қудрат дода буд, ибодат карданд;
4 Ва ба ҳайвони ваҳшӣ саҷда карда, гуфтанд: «Кист, ки мисли ин
ҳайвони ваҳшӣ бошад, ва кист, ки битавонад бо вай ҷанг кунад?»
5 Ва ба вай даҳоне дода шуд, ки суханони пурғурур ва куфр гӯяд,
ва ба вай қудрат дода шуд, ки чилу ду моҳ амал кунад+.
6 Ва даҳонашро барои куфри Худо воз кард, то ки бар исми Ӯ ва
маскани Ӯ ва сокинони осмон куфр гӯяд.
7 Ва ба вай ато шуд, ки бо муқаддасон ҷангида, бар онҳо ғолиб ояд;
ва ба вай салтанат бар ҳар сибт, ва қавм, ва забон, ва қабила дода
шуд+.
8 Ва ҳамаи сокинони замин вайро ибодат хоҳанд кард, ҷуз онҳое
ки номҳошон дар дафтари ҳаёти Барра, ки аз офариниши олам забҳ
шуда буд, навишта шудааст+.
9 Ҳар кӣ гӯш дорад, бишнавад+.
10 Ҳар кӣ ба асирӣ мебарад, худаш ба асирӣ хоҳад рафт; ҳар кӣ бо
шамшер мекушад, худаш бояд бо шамшер кушта шавад. Дар ин ҷост
сабр ва имони муқаддасон+.

### 2. Ҳайвони ваҳшии дорои ду шох, ки аз замин берун меояд.

11 Ва ҳайвони ваҳшии дигаре дидам, ки аз замин берун меояд; вай
ду шох дошт монанди шохҳои барра, ва мисли аждаҳо сухан мегуфт.

12 Вай дар пеши ҳайвони ваҳшии якум бо тамоми қудраташ амал
мекунад, ба тавре ки тамоми замин ва сокинони онро маҷбур
менамояд, ки ба ҳайвони ваҳшии якум, ки яраи марговараш шифо
ёфтааст, саҷда кунанд;
13 Ва аломати бузурге ба амал меоварад, ба тавре ки оташро низ
дар пеши одамон аз осмон ба замин фурӯ меоварад+.
14 Ва бо мӯъҷизоте ки дар пеши ҳайвони ваҳшӣ метавонист нишон
диҳад, сокинони заминро фиреб дода, ба сокинони замин мегӯяд, ки
пайкари он ҳайвони ваҳширо, ки аз шамшер ярадор шуда, зинда
мондааст, бисозанд+.
15 Ва ба вай ато шудааст, ки ба он пайкари ҳайвони ваҳшӣ ҳаёт
бахшад, то пайкари ҳайвони ваҳшӣ тавре сухан гӯяд ва амал кунад,
ки ҳамаи онҳое ки ба пайкари ҳайвони ваҳшӣ саҷда намекунанд,
кушта шаванд+.
16 Ва тавре рафтор мекунад, ки ҳама — хурдон ва бузургон,
сарватдорон ва мискинон, озодон ва ғуломон — бояд бар дасти
росташон ё бар пешониашон тамға зананд,
17 Ва ҳеҷ кас харидан ва фурӯхтан нахоҳад тавонист, ҷуз касе ки
чунин тамға: ё номи ҳайвони ваҳшӣ ё шумораи номи онро дорад.
18 Дар ин ҷо ҳикмат аст. Ҳар кӣ ақл дорад, шумораи ҳайвони
ваҳширо ҳисоб кунад, зеро ки он шумораи одамизод аст; шумораи он
шашсаду шасту шаш мебошад.

## Барра бар кӯҳи Сион ва 144 000 кафоратшудагон.

**14** [1] Ва назар андохтам, ва инак, Барра бар кӯҳи Сион истодааст,
ва бо Ӯ саду чилу чор ҳазор нафар, ки бар пешониҳошон исми
Падари Ӯ навишта шудааст+.
[2] Ва овозе аз осмон шунидам, мисли шувваси обҳои бисьёр ва
монанди садои раъди пурзӯр; ва овозе ки шунидам, монанди овози
барбатнавозоне буд, ки барбатҳои худро менавозанд:+
[3] Онҳо дар пеши тахт ва дар пеши он чор ҳайвон ва пирон суруди
наве месароянд; ва ҳеҷ кас натавонист он сурудро ёд гирад, ҷуз он
саду чилу чор ҳазор нафар, ки аз замин харида шуда буданд+.
[4] Инҳо касоне ҳастанд, ки бо занон палид нашудаанд, зеро ки онҳо
боисматанд; инҳо касоне ҳастанд, ки ҳар куҷо Барра равад, аз ақибаш
меравmasand. Онҳо аз миёни одамон, ҳамчун навбарони Худо ва Барра,
харида шудаанд,+
[5] Ва дар даҳонашон макре нест; онҳо дар пеши тахти Худо
беайбанд+.

## Эълон кардани он ки соати доварии Худо фаро расидааст.

## Фариштае бо Инҷили абадӣ.

[6] Ва фариштаи дигаре дидам, ки дар миёнаи осмон парвоз
мекунад ва Инҷили абадӣ дорад, то ки ба сокинони замин ва ба ҳар
қабила ва сибт, ва забон ва қавм башорат диҳад;
[7] Ва ӯ бо овози баланд мегуфт: «Аз Худо тарсед ва Ӯро ҷалол диҳед,
зеро ки соати доварии Ӯ фаро расидааст; ва ба Офаридагори осмон ва
замин, ва баҳр ва чашмаҳои об саҷда кунед».

## Фариштаи дигар фурӯ ғалтидани Бобилро эълон мекунад.

[8] Ва фариштаи дигар аз ақиби ӯ омада, мегуфт: «Бобил, шаҳри
бузург, фурӯ ғалтид, фурӯ ғалтид, чунки ҳамаи халқҳоро аз шароби
пурғазаби зинокории худ нӯшонид»+.

## Фариштаи сеюм қисмати парастишкунандагони ҳайвони ваҳширо эълон мекунад.

[9] Ва фариштаи сеюм аз ақиби онҳо омада, бо овози баланд мегуфт:
«Ҳар кӣ ба ҳайвони ваҳшӣ ва пайкари он саҷда кунад ва бар пешонии

худ ё бар дасти худ тамға занад, —+
10 Вай аз шароби хашми Худо, аз шароби холисе ки дар косаи
ғазаби Ӯ муҳайё шудааст, хоҳад нӯшид, ва дар пеши фариштагони
муқаддас ва дар пеши Барра дар оташ ва кибрит азоб хоҳад кашид;+
11 Ва дуди азобҳои онҳо то абад баланд хоҳад шуд, ва касоне ки ба
ҳайвони вахшӣ ва пайкари он саҷда менамоянд ва тамғаи номи онро
қабул мекунанд, на рӯз ором хоҳанд гирифт, на шаб»+.
12 Дар ин ҷост сабри муқаддасон, ки аҳкоми Худо ва имони Исоро
риоят мекунанд+.

## Хушбахтии онҳое ки дар Худованд мемиранд.

13 Ва овозе аз осмон шунидам, ки мегӯяд: «Бинавис: хушо
мурдагоне ки минбаъд дар Худованд мемиранд; оре, мегӯяд Рӯҳ,
инҳо аз меҳнатҳои худ ором мегиранд, ва аъмолашон аз қафояшон
меравад»+.

## Ибтидои дoff

14 Ва назар андохтам, ва инак, абри сафед, ва бар абр касе монанди
Писари Одам нишастааст, ки бар сараш тоҷи тилло, ва дар дасташ
доси тез дорад+.
15 Ва фариштаи дигар аз маъбад баромад ва бо овози баланд ба
Нишинандаи абр нидо кард: «Доси Худро ба кор андоз ва дарав кун,
чунки вақти дарав расидааст; зеро ки ҳосили замин пухтааст»+.
16 Ва Нишинандаи абр доси Худро бар замин андохт, ва замин
даравида шуд+.
17 Ва фариштаи дигар аз маъбаде ки дар осмон аст, берун омад, ки
ӯ низ доси тез дошт.
18 Ва фариштаи дигар, ки бар оташ қудрат дорад, аз қурбонгоҳ
берун омад ва бо овози баланд ба он ки доси тез дошт, нидо карда,
гуфт: «Доси тези худро ба кор андоз ва сарҳои ангури заминро бибур,
чунки ангураш пухтааст».
19 Ва он фаришта доси худро бар замин андохт, ва сарҳои ангури
заминро бурид, ва онро дар чархушти бузурги ғазаби Худо афканд,+
20 Ва чархушт дар беруни шаҳр пойкӯб карда шуд, ва хун аз
чархушт то ба ҷилави аспон, ба масофаи ҳазору шашсад стадия ҷорӣ

шуд.

## Таҳдиди ҳафт балои охирин.

## Ҷалол додани Барра.

15 [1] Ва дар осмон аломати дигаре дидам, ки бузург ва аҷоиб
буд: ҳафт фаришта, ки ҳафт балои оҳирин доранд, чунки хашми
Худо бо онҳо анҷом ёфт+.
[2] Ва гӯё баҳре аз шиша дидам, ки бо оташ омеҳта буд; ва касоне ки
бар ҳайвони ваҳшӣ ва пайкари он ва тамғаи он ва шумораи номи он
ғолиб омада буданд, бар ин баҳри шиша истодаанд, ва барбатҳои
Худо дода дар дасти онҳост,+
[3] Ва суруди Мусои бандаи Худо ва суруди Баррароро хонда, мегӯянд:
«Бузург ва аҷоиб аст аъмоли Ту,
эй Худованд Худои Қодири Мутлақ!
Ҳақ асту рост роҳҳои Ту, эй Подшоҳи муқаддасон!+
[4] Кист, ки аз Ту, эй Худованд,
натарсад ва исми Туро ҷалол надиҳад?
Зеро ки танҳо Ту Қуддус ҳастӣ. Ҳамаи халқҳо омада, дар пеши Ту
саҷда хоҳанд кард,
зеро ки довариҳон одилонаи Ту зоҳир шудааст»+.

## Тайёрӣ ба ҳафт бало.

[5] Ва баъд аз ин ман назар андохтам, ва инак, маъбади хаймаи
шаҳодат дар осмон воз шуд,+
[6] Ва аз маъбад ҳафт фаришта баромаданд, ки ҳафт бало доштанд,
ва катони тоза ва дураҳшон дар бар карда ва то синаашон
камарбанди тилло баста буданд+.
[7] Ва яке аз он чор ҳайвон ба ҳафт фаришта ҳафт косаи тиллои пур
аз ғазаби Худоро дод, ки Ӯ то абад Зинда аст+.
[8] Ва маъбад аз ҷалоли Худо ва аз қуввати Ӯ пур аз дуд шуд, ва то
ҳафт балои ҳафт фаришта анҷом наёфт, ҳеҷ кас натавонист ба
маъбад дароияд+.

## Косаҳои ғазаби Худо бар замин рехта мешавад.

16 [1] Ва овози баланде аз маъбад шунидам, ки ба ҳафт фаришта
мегӯяд: «Биравед ва ҳафт косаи ғазаби Худоро бар замин
бирезед»+.

## Косаи якум — яраҳои бади фасоднок бар одамон.

[2] Фариштаи якум рафта, косаи худро бар замин рехт, ва бар
одамоне ки тамғаи ҳайвони ваҳширо доранд ва ба пайкари он саҷда
мекунанд, яраҳои бад ва зишти фасоднок пайдо шуд+.

## Косаи дуюм — ба хун мубаддал шудани обҳои баҳр.

[3] Фариштаи дуюм косаи худро дар баҳр рехт; ва он ба хуне мисли
хуни мурда мубаддал шуд, ва тамоми маҳлуқоти ҷондори баҳр
мурд+.

## Косаи сеюм — ба хун мубаддал шудани чашмаҳо ва дарьёҳо.

[4] Фариштаи сеюм косаи худро дар дарьёҳо ва чашмаҳои об рехт, ва
онҳо ба хун мубаддал шуданд+.
[5] Ва фариштаи обҳоро шунидам, ки мегуфт: «Ту одилӣ, эй
Худованд, ки ҳастӣ ва будӣ, ва қуддус мебошӣ, зеро ки чунин ҳукм
кардаӣ;+
[6] Азбаски онҳо хуни муқаддасон ва анбиёро рехтаанд, Ту ба онҳо
хун додӣ, ки бинӯшанд: ин сазои онҳост»+.
[7] Ва қурбонгоҳро шунидам, ки мегӯяд: «Оре, эй Худованд Худои
Қодири Мутлақ, довариҳои Ту ҳақ асту рост»+.

## Косаи чорум — гармои сӯзон.

[8] Фариштаи чорум косаи худро бар офтоб рехт, ва ба вай қудрате
ато шуд, ки одамонро ба оташ бисӯзонад.
[9] Ва одамонро гармои зӯре сӯзонд, ва онҳо ба исми Худо, ки бар ин
балоҳо ихтиёр дорад, куфр мегуфтанд ва тавба накарданд, то ки Ӯро
ҷалол диҳанд+.

## Косаи панҷум — ғазаби Худо бар малакути ҳайвони ваҳшӣ.

[10] Фариштаи панҷум косаи худро бар тахти ҳайвони ваҳшӣ рехт,
ва малакути он торик шуд, ва онҳо забонҳои худро аз дард

мегазиданд,+
11 Ва ба Худои Осмон аз боиси азобҳои худ ва яраҳои худ куфр
мегуфтанд, ва аз аъмоли худ тавба накарданд.

### Косаи шашум — рӯҳҳои дев, ки аломот ба амал меоваранд.

12 Фариштаи шашум косаи худро дар дарьёи бузурги Фурот рехт,
ва оби он хушк шуд, то барои подшоҳоне ки аз ҷониби тулӯи офтоб
ҳастанд, роҳ муҳайё шавад+.
13 Ва дидам, ки аз даҳони аждаҳо, ва аз даҳони ҳайвони ваҳшӣ, ва
аз даҳони набии козиб се рӯҳи палиде монанди қурбоққаҳо
мебароянд+.
14 Онҳо рӯҳҳои деванд, ки аломот ба амал меоваранд; онҳо ба
пеши подшоҳони тамоми ҷаҳон мебароянд, то ки онҳоро барои
ҷанги рӯзи бузурги Худои Қодири Мутлақ ҷамъ оваранд+.
15 Инак, мисли дузд меоям: хушо касе ки ҳушьёр аст ва либоси
худро нигоҳ медорад, то ки бараҳна роҳ наравад, ва расвоии ӯро
набинанд+.
16 Ва онҳоро ба мавзее ҷамъ оварданд, ки ба забони ибронӣ
Ҳармиҷидӯн ном дорад.

### Косаи ҳафтум — заминҷунбии азим ва жола.

17 Фариштаи ҳафтум косаи худро бар ҳаво рехт, ва аз маъбади
осмон аз ҷониби тахт овози баланде баромад, ки мегуфт: «Ба амал
омад!»
18 Ва барқҳо, раъдҳо ва садоҳо ба вуқӯъ омад, ва заминҷунбии
азиме рӯй дод, ки мислаш, аз замоне ки одамон бар замин ҳастанд,
рӯй надода буд, — он қадар заминҷунбии пурзӯр ва азим буд!+
19 Ва шаҳри бузург ба се қисм аз ҳам ҷудо шуд, ва шаҳрҳои халқҳо
фурӯ ғалтиданд, ва Бобили бузург дар пеши Худо зикр ёфт, то ки
косаи шароби пурхашми ғазаби Худро ба он диҳад+.
20 Ва ҳар ҷазира гурехт, ва кӯҳҳо нопайдо гашт;+
21 Ва жолаи бузурге ки гӯё ба вазни як талант буд, аз осмон бар
одамон борид; ва одамон барои балои жола ба Худо куфр гуфтанд,
чунки он бало бағоят сахт буд+.

## Доварӣ бар фоҳишаи бузург.

**17** 1 Ва яке аз он ҳафт фариштае ки ҳафт коса доштанд, омад ва
бо ман сухан ронда, гуфт: «Ин ҷо биё, то довариро дар ҳаққи
фоҳишаи бузурге ки бар обҳои бисьёр нишастааст, ба ту нишон
диҳам,+
2 Ки подшоҳони замин бо вай зино кардаанд, ва сокинони замин
аз шароби зинокории вай маст шудаанд»+.
3 Ва маро дар Рӯҳ ба биёбон бурд; ва занеро дидам, ки бар ҳайвони
ваҳшии арғувонӣ, ки аз номҳои куфр пур буд, ва ҳафт калла ва даҳ
шоҳ дошт, нишаста буд+.
4 Ва он зан либоси қирмизӣ ва арғувонӣ дошт, бо тилло,
ҷавоҳирот ва марворид зинат ёфта буд, ва дар дасташ косаи тиллое
нигоҳ медошт, ки аз қабоҳат ва наҷосати зинокории вай пур буд;
5 Ва бар пешонии вай номи сирре навишта шуда буд: «Бобили
бузург, модари фоҳишагон ва қабоеҳи замин».
6 Ва дидам, ки он зан аз хуни муқаддасон ва аз хуни шоҳидони Исо
маст аст, ва аз дидани вай ниҳоятдараҷа ҳайрон шудам+.

## Сирри зани фоҳиша ва ҳайвони ваҳшӣ.

7 Ва фаришта ба ман гуфт: «Чаро ҳайрон шудӣ? Ман сирри ин зан
ва он ҳайвони ваҳширо, ки зан бар он савор аст, ва ҳафт калла ва даҳ
шох дорад, ба ту мегӯям.
8 Он ҳайвони ваҳшӣ, ки ту дидӣ, буд ва нест; ва аз варта хоҳад
баромад ва ба сӯи ҳалокат хоҳад рафт; ва он сокинони замин, ки
номҳошон аз ибтидои ҷаҳон дар дафтари ҳаёт навишта нашудааст, аз
дидани ҳайвони ваҳшие ки буд ва нест ва зоҳир хоҳад шуд, дар
ҳайрат хоҳанд афтод+.
9 Дар ин ҷост ақле ки ҳикмат дорад. Ҳафт калла ҳафт кӯҳест, ки он
зан бар онҳо нишастааст,
10 Ва инҳо ҳафт подшоҳ ҳастанд, ки панҷ нафарашон фурӯ
ғалтидаанд, яке ҳаст, ва дигаре ҳанӯз наомадааст, ва ҳангоме ки ояд,
муддати каме бояд бимонад.

## Ғалабаи Барра, ҳалокати ҳайвони ваҳшӣ ва ҳамаи пайравони

**вай.**

[11] Ва он ҳайвони ваҳшӣ, ки буд ва нест, ҳаштум аст, ва аз ҷумлаи
ҳафт аст, ва ба сӯи ҳалокат хоҳад рафт.
[12] Ва он даҳ шоҳ, ки ту дидӣ, даҳ подшоҳ ҳастанд, ки ҳанӯз
малакут ба даст наовардаанд, лекин барои як соат бо ҳайвони ваҳшӣ,
ҳамчун подшоҳон, салтанат пайдо хоҳанд кард;+
[13] Онҳо як ният доранд, ва қуввату салтанати худро ба ҳайвони
ваҳшӣ хоҳанд дод;
[14] Онҳо ба Барра ҷанг хоҳанд кард, ва Барра бар онҳо ғолиб хоҳад
омад; зеро ки Ӯ Худованди худовандон ва Подшоҳи подшоҳон аст, ва
онҳое ки бо Ӯ ҳастанд, даъватшудагон ва баргузидагон ва аминон
мебошанд»+.
[15] Ва он фаришта ба ман гуфт: «Обҳое ки ту дидӣ, ки он ҷо фоҳиша
нишастааст, одамон ва қавмон, ва қабилаҳо ва забонҳо мебошанд.
[16] Ва он даҳ шох, ки ту дидӣ, ва ҳайвони ваҳшӣ аз фоҳиша нафрат
хоҳанд дошт, ва ӯро хонавайрон ва урьён хоҳанд кард, ва ҷисми ӯро
хоҳанд хӯрд, ва ӯро дар оташ хоҳанд сӯзонд;+
[17] Чунки Худо дар дили онҳо андохтааст, ки иродаи Ӯро ба ҷо
оваранд, ба тавре ки ҳама якдилона салтанати худро ба ҳайвони
ваҳшӣ диҳанд, то ки суханони Худо иҷро шавад.
[18] Ва он зане ки дидӣ, шаҳри бузург аст, ки бар подшоҳони замин
салтанат меронад».

## Доварии Худо бар фоҳишаи бузург — Бобил.

**18** 1 Баъд аз ин ман фариштаи дигаре дидам, ки аз осмон нузул
мекунад ва қудрати бузурге дорад; ва замин аз ҷалоли ӯ
мунаввар шуд+.
2 Ва ӯ бо овози қавӣ нидо карда, гуфт: «Фурӯ ғалтид! Фурӯ ғалтид
Бобили бузург! Вай маскани девҳо ва паноҳгоҳи ҳар рӯҳи палид ва
паноҳгоҳи ҳар мурғи палид ва кароҳатангез гардид; зеро ҳамаи
халқҳо аз шароби пурғазаби зинокории вай нӯшиданд,+
3 Ва подшоҳони замин бо вай зино карданд, ва тоҷирони замин аз
айшу нӯши бузурги вай сарватдор шуданд»+.
4 Ва овози дигаре аз осмон шунидам, ки мегӯяд: «Аз вай берун оед,
эй қавми Ман, то ки дар гуноҳҳояш шарик нашавед ва ба балоҳояш
дучор нагардед;+
5 Зеро ки гуноҳҳои вай то ба осмон расидааст, ва Худо зулмҳои
вайро ба хотир овардааст+.
6 Сазояшро диҳед, чунон ки вай низ шуморо сазо додааст, ва бар
тибқи аъмоли вай сазояшро дучандон диҳед; дар косае ки вай барои
шумо шароб тайёр карда буд, барои вай дучандон тайёр кунед+.
7 Ҳар қадар вай ҷалол ёфта, айшу нӯш мекард, ҳамон қадар бо
азият ва бадбахтӣ сазояшро диҳед. Зеро ки вай дар дили худ мегӯяд:
„Малика шуда нишастаам, ва бева нестам, ва бадбахт наҳоҳам буд“+.
8 Бинобар ин дар як рӯз балоҳо, мамот ва мотам ва қаҳтӣ ба сари
вай хоҳад омад. Вай дар оташ хоҳад сӯхт, зеро пурқувват аст
Худованд Худо, ки вайро доварӣ мекунад+.

## Навҳа ва гирья дар бораи ҳалокати Бобил.

9 Ва подшоҳони замин, ки бо вай зино ва айшу нӯш кардаанд,
вақте ки дуди сӯхтори вайро бинанд, дар ҳаққи вай гирья ва навҳа
хоҳанд кард,+
10 Ва аз тарси азобҳои вай, дуртар истода, хоҳанд гуфт: „Вой, вой
бар ҳоли ту, эй шаҳри бузурги Бобил, эй шаҳри мустаҳкам! Зеро ки
дар як соат қазои ту омадааст“.
11 Ва тоҷирони замин дар ҳаққи вай гирья ва навҳа хоҳанд кард,
чунки молҳои онҳоро дигар ҳеҷ кас намехарад:

12 Молҳои тилло ва нуқра, ва ҷавоҳирот, ва марворид, ва катон, ва
арғувон, ва абрешим, ва қирмиз, ва ҳар дарахти муаттар, ва ҳар
маснуот аз оҷ, ва ҳар маснуот аз дарахтони гаронбаҳо, аз мис ва оҳан
ва мармар,
13 Ва дорчин, ва бухур, ва равғани атрафшон, ва лодан, ва шароб, ва
равғани зайтун, ва орд, ва гандум, ва чорво, ва гӯсфандон, ва аспҳо, ва
аробаҳо, ва ҷисмҳо ва ҷонҳои одамӣ.
14 Аз меваҳое ки ҷони ту тамаъ дорад, маҳрум гаштаӣ, ва ҳар чизи
фарбеҳ ва боҳашамат аз ту дур шудааст, — онро дигар нахоҳӣ ёфт.
15 Тоҷирони ин чизҳо, ки аз ин сарватдор шудаанд, аз тарси
азобҳои вай, дуртар истода, гирья ва навҳа хоҳанд кард.
16 Ва хоҳанд гуфт: „Вой, вой бар ҳоли ин шаҳри бузург, ки катон ва
арғувон ва қирмиз дар бар дошт ва бо тилло ва ҷавоҳирот зинат ёфта
буд!
17 Зеро ки дар як соат чунин сарват нобуд шуд“. Ва ҳамаи
суккондорон, ва ҳамаи киштинишинон, ва ҳамаи маллоҳон, ва ҳамаи
онҳое ки дар баҳр тиҷорат мекунанд, дуртар истода+
18 Ва дуди сӯхтори вайро дида, фиғон кашиданд ва гуфтанд:
„Кадом шаҳр монанди ин шаҳри бузург будааст!“+
19 Ва ба сарҳошон хок пошиданд ва фарьёд зада, бо гирья ва навҳа
гуфтанд: „Вой, вой бар ҳоли ин шаҳри бузург, ки аз чизҳои
гаронбаҳои вай ҳамаи онҳое ки дар баҳр киштӣ доштанд, сарватдор
шудаанд! Зеро ки дар як соат вай хароб гардидааст.“+

## Шодии муқаддасон бар осмон.

20 Шодӣ кунед дар ҳаққи вай, эй осмон, ва ҳаввориёни муқаддас,
ва анбиё, зеро ки Худо доварӣ намуда, интиқоми шуморо аз вай
гирифтааст»+.
21 Ва як фариштаи қавӣ санги бузургеро монанди санги осиё
бардошта, дар баҳр андохт ва гуфт: «Бо чунин шиддат шаҳри бузурги
Бобил сарнагун хоҳад шуд, ва дигар ёфт нахоҳад шуд;+
22 Ва овози барбатнавозон, ва сарояндагон, ва найнавозон ва
карнайнавозон дар ту дигар шунида нахоҳад шуд, ва ҳеҷ як
санъаткори ҳеҷ як санъате дар ту дигар нахоҳад буд, ва садои
сангҳои осиё дар ту дигар шунида нахоҳад шуд;+

[23] Ва рӯшноии чароғ дар ту дигар пайдо нахоҳад шуд, ва овози
домод ва арӯс дар ту дигар шунида нахоҳад шуд, зеро ки тоҷирони ту
акобири рӯи замин буданд, ва аз ҷодуи ту ҳамаи халқҳо дар иштибоҳ
афтодаанд**+**.
[24] Ва дар вай хуни анбиё ва муқаддасон ва ҳамаи мақтулони рӯи
замин ёфт шудааст»**+**.

## Шодмонӣ бар осмон дар бобати фурӯ ғалтидани Бобил.

# 19

1 Пас аз ин ман овози баланде мисли овози издиҳоми бузург
дар осмон шунидам, ки мегуфт: «Ҳалелуёҳ! Наҷот ва ҷалол ва
қувват аз они Худованди мо мебошад,+
2 Зеро ки аҳкоми Ӯ ҳақ асту рост! Чунки Ӯ фоҳишаи бузургеро, ки
заминро бо зинои худ фосид карда буд, маҳкум намуд, ва хуни
бандагони Худро аз дасти вай ситонид»+.
3 Ва дубора гуфтанд: «Ҳалелуёҳ! Дуди Бобил то абад баланд
мешавад»+.
4 Ва он бисту чор пир ва чор ҳайвон афтода, ба Худое ки бар тахт
нишастааст, саҷда карданд ва гуфтанд: «Омин! Ҳалелуёҳ!»+
5 Ва овозе аз ҷониби тахт баромад, ки мегуфт: «Эй ҳамаи
бандагони Ӯ ва тарсгорони Ӯ, ҳурдон ва бузургон, мадҳ кунед Худои
моро!»+
6 Ва овозе шунидам мисли овози издиҳоми бузург, мисли шувваси
обҳои бисьёр, мисли садои раъдҳои пурзӯр, ки мегуфтанд:
«Ҳалелуёҳ! Зеро ки Худованд Худои Қодири Мутлақ бар таҳти
салтанат нишастааст+.

## Никоҳи Барра.

7 Ба ваҷд меоем ва шодӣ мекунем ва Ӯро ҷалол медиҳем, зеро ки
никоҳи Барра фаро расидааст, ва завҷаи Ӯ худро тайёр кардааст»+.
8 Ва ба вай ато шуд, ки катони тоза ва дурахшон дар бар кунад;
зеро ки он катон адолати муқаддасон аст+.
9 Ва ба ман гуфт: «Бинавис: „Хушо онҳое ки ба базми никоҳи
Барра даъват шудаанд“». Ва ба ман гуфт: «Инҳо суханони ҳақиқии
Худост».
10 Ман бар пойҳояш афтодам, то ки ба ӯ таъзим кунам; лекин ӯ ба
ман гуфт: «Зинҳор, чунин накун; ман бо ту ва бо бародарони ту, ки
шаҳодати Исоро доранд, ҳамкор ҳастам; ба Худо таъзим намо, зеро
ки шаҳодати Исо рӯҳи нубувват аст»+.

## Зоҳир шудани Масеҳ.

11 Ва осмони кушодаро дидам, ва инак, аспи сафед, ва Савори он
Амин ва Ҳақ ном дорад, ва Ӯ аз рӯи адолат доварӣ мекунад ва

меҷангад+.
[12] Чашмони Ӯ мисли шӯълаи оташ аст, ва бар сари Ӯ афсарҳои
бисьёр; Ӯ исми навиштае дорад, ки онро, ғайр аз Худи Ӯ, ҳеҷ кас
намедонад;+
[13] Ва Ӯ либоси хунолуде дорад, ва исми Ӯ хонда шудааст: Каломи
Худо+.
[14] Ва лашкарҳои осмон бар аспҳои сафед, катони сафеди тоза дар
тан, аз паи Ӯ мерафтанд.
[15] Ва аз даҳони Ӯ шамшери тез берун меояд, то ки ҳалқҳоро бо он
бизанад. Ӯ онҳоро бо асои оҳанин чӯпонӣ мекунад; Ӯ чархушти
шароби хашм ва ғазаби Худои Қодири Мутлақро пойкӯб мекунад+.
[16] Бар либос ва бар рони Ӯ навишта шудааст: «Подшоҳи подшоҳон
ва Худованди худовандон»+.

## Шикасти ҳайвони ваҳшӣ ва набии козиб.

[17] Ва як фариштаро дидам, ки бар офтоб меистод; ва ӯ бо овози
баланд нидо карда, ба ҳамаи мурғоне ки дар миёнаи осмон парвоз
мекарданд, гуфт: «Биёед, ба зиёфати бузурги Худо ҷамъ шавед,+
[18] То ки ҷасадҳои подшоҳонро, зӯроваронро, мириҳазоронро,
аспон ва саворонашонро, ҷасадҳои ҳамаи озодон ва ғуломон, ва
хурдон ва бузургонро бихӯред»+.
[19] Ва ҳайвони ваҳшӣ ва подшоҳони замин ва лашкарҳошонро
дидам, ки ҷамъ шуда буданд, то ки бо Савори асп ва бо лашкари Ӯ
ҷанг кунанд+.
[20] Ва ҳайвони ваҳшӣ ва бо вай он набии козиб дастгир шуд, ки дар
пеши вай мӯъҷизот ба амал оварда буд, ки ба воситаи онҳо касонеро,
ки тамғаи ҳайвони ваҳширо қабул карда, ба пайкари он саҷда
менамоянд, фиреб мекард: ҳар ду зинда дар кӯли оташ андохта
шуданд, ки дар он кибрит месӯхт;+
[21] Ва касони боқӣ бо шамшери Савори асп, ки аз даҳони Ӯ берун
омада буд, кушта шуданд; ва ҳамаи мурғон аз ҷасадҳои онҳо сер
шуданд+.

## Шайтон ба муддати ҳазор сол занҷирбанд шуд.

**20** 1 Ва фариштае дидам, ки аз осмон нузул мекард, ва калиди
варта ва занҷири бузурге дар дасташ буд+.
2 Ва ӯ аждаҳо, яъне мори қадимиро, ки иблис ва шайтон аст,
дастгир карда, ба муддати ҳазор сол занҷирбанд намуд,+
3 Ва онро дар варта андохт, ва онро бандубаст кард, ва бар он мӯҳр
зад, то ки халқҳоро дигар фиреб надиҳад, то даме ки ҳазор сол анҷом
ёбад; баъд аз ин вай бояд ба муддати каме озод шавад+.

## Эҳъёи якум ва малакути ҳазорсолаи Масеҳ.

4 Ва тахтҳо ва бар онҳо нишастагонро дидам, ки ихтиёри доварӣ
кардан ба онҳо дода шуда буд, ва ҷонҳои касонеро дидам, ки барои
шаҳодати Исо ва барои каломи Худо сар бурида шуда буданд, ва онҳо
ба ҳайвони ваҳшӣ ва ба пайкари он саҷда накарда буданд ва тамғаи
онро бар пешонӣ ва дасти худ назада буданд. Онҳо зинда шуданд ва
бо Масеҳ ҳазор сол салтанат ронданд;+
5 Вале боқии мурдагон зинда нашуданд, то даме ки ҳазор сол
анҷом ёбад. Ин эҳъёи якум аст.
6 Хушбахт ва қуддус аст касе ки дар эҳъёи якум иштирок дорад:
бар онҳо мамоти дуюм қудрат надорад, балки онҳо коҳинони Худо ва
Масеҳ хоҳанд шуд ва бо Ӯ ҳазор сол салтанат хоҳанд ронд+.

## Ҳуҷуми охирини шайтон ва ғалабаи қатъӣ бар он.

7 Ва ҳангоме ки ҳазор сол анҷом ёбад, шайтон аз зиндони худ озод
хоҳад шуд,
8 Ва берун хоҳад омад, то халқҳоеро, ки дар чор гӯшаи замин
ҳастанд, яъне Ҷуҷ ва Моҷуҷро фиреб кунад, ва онҳоро барои ҷанг
ҷамъ оварад; шумораи онҳо мисли реги баҳр аст+.
9 Ва ба арзи замин баромаданд ва қароргоҳи муқаддасон ва шаҳри
маҳбубро иҳота карданд. Ва аз осмон аз ҷониби Худо оташ фуромада,
онҳоро хӯрд;+
10 Ва иблис, ки онҳоро фиреб мекард, дар кӯли оташ ва кибрит
андохта шуд, ки он ҷо ҳайвони ваҳшӣ ва набии козиб ҳастанд, ва
онҳо шабу рӯз то абад азоб хоҳанд кашид+.

## Эҳьёи куллӣ ва доварии охирин.

11 Ва тахти бузурги сафед ва Нишинандаи онро дидам, ки аз
ҳузури Ӯ осмон ва замин мегурехтанд, ва ҷое барои онҳо ёфт
нашуд+.
12 Ва мурдагонро, хурдон ва бузургонро дидам, ки дар пеши Худо
истодаанд, ва дафтарҳо кушода буд; ва дафтари дигаре кушода буд,
ки дафтари ҳаёт аст; ва мурдагон бар тибқи он чи дар дафтарҳо
навишта шудааст, яъне мувофиқи аъмолашон доварӣ карда шуданд+.
13 Ва баҳр мурдагонеро, ки дар вай буданд, дод, ва мамот ва дӯзах
мурдагонеро, ки дар онҳо буданд, доданд; ва ҳар яке мувофиқи
аъмолаш доварӣ карда шуд+.
14 Ва мамот ва дӯзах дар кӯли оташ андохта шуданд. Ин мамоти
дуюм аст.
15 Ва ҳар ки дар дафтари ҳаёт навишта нашудааст, дар кӯли оташ
андохта шуд+.

## Ерусалими нав: арӯси Барра.

**21** [1] Ва осмони нав ва замини навро дидам; зеро ки осмони
пештара ва замини пештара гузашт, ва баҳр дигар набуд+.
[2] Ва ман, Юҳанно, шаҳри муқаддас — Ерусалими навро дидам, ки
аз ҷониби Худо аз осмон нузул мекард, ва муҳайё шуда буд мисли
арӯсе ки барои шавҳараш зинат ёфтааст+.
[3] Ва овози баланде аз осмон шунидам, ки мегӯяд: «Инак, хаймаи
Худо бо одамон, ва Ӯ бо онҳо сокин хоҳад шуд; онҳо қавми Ӯ хоҳанд
буд, ва Худи Худо бо онҳо Худои онҳо хоҳад буд;+
[4] Ва Худо ҳар ашкро аз чашмони онҳо пок хоҳад кард, ва мамот
дигар нахоҳад буд; ва гирья ва фиғон ва дард дигар нахоҳад буд; зеро
он чи пештар буд, гузашт»+.
[5] Ва Нишинандаи тахт гуфт: «Инак, ҳама чизро нав месозам». Ва ба
ман гуфт: «Бинавис, зеро ки ин суханон ҳақ асту рост»+.
[6] Ва ба ман гуфт: «Ба амал омад! Ман Алфа ва Омега, ибтидо ва
интиҳо ҳастам; ба ташна аз чашмаи оби ҳаёт муфт хоҳам дод;+
[7] Касе ки ғолиб ояд, ворисӣ ҳама чиз хоҳад шуд, ва Ман барои ӯ
Худо хоҳам буд, ва ӯ барои Ман писар хоҳад буд;+
[8] Валекин тарсончакон, ва беимонон, ва палидон, ва қотилон, ва
зинокорон, ва ҷодугарон, ва бутпарастон, ва ҳамаи дурӯғгӯёнро —
насибашон дар кӯлест, ки бо оташ ва кибрит месӯзад; ин мамоти
дуюм аст»+.
[9] Ва яке аз он ҳафт фаришта, ки ҳафт косаи пур аз ҳафт балои
охирин доштанд, назди ман омада, гуфт: «Биё, то ба ту арӯсро, завҷаи
Барраро нишон диҳам»+.
[10] Ва маро дар Рӯҳ ба кӯҳи бузург ва баланде бурд ва шаҳри бузург
— Ерусалими муқаддасро ба ман нишон дод, ки аз осмон аз ҷониби
Худо нузул мекард,+
[11] Ки вай ҷалоли Худоро дорад; найири вай ба санги бағоят
гаронбаҳо монанд аст, мисли санги яшме ки чун булӯр шаффоф
бошад;+
[12] Вай девори бузург ва баланде дорад, ва дувоздаҳ дарвоза дорад,
ва бар онҳо — дувоздаҳ фаришта; бар дарвозаҳо номҳои дувоздаҳ
сибти банӣ-Исроил навишта шудааст:

[13] Аз шарқ се дарвоза, аз шимол се дарвоза, аз ҷануб се дарвоза, аз
ғарб се дарвоза+.
[14] Девори шаҳр дувоздаҳ таҳкурсӣ дорад, ва бар онҳо — номҳои
дувоздаҳ ҳаввориёни Барра+.
[15] Ва он ки бо ман сухан меронд, ба сифати андоза наи тиллое
дошт, то ки шаҳр ва дарвозаҳояш ва деворашро андоза кунад+.
[16] Шаҳр ба шакли мураббаъ воқеъ аст, ва дарозии он баробари
фароҳии он аст. Ва ӯ шаҳрро бо най андоза карда, дувоздаҳ ҳазор
стадия ёфт; дарозӣ ва фароҳӣ ва баландии он баробар аст+.
[17] Ва девори онро андоза карда, саду чилу чор зироъ ба андозаи
одамизод ёфт, ки андозаи фаришта низ чунин аст.
[18] Девори он аз яшм соҳта шудааст, ва шаҳр зари холис буда, ба
шишаи покиза монандӣ дорад.
[19] Таҳкурсиҳои девори шаҳр бо ҳар гуна ҷавоҳирот мурассаъ аст:
таҳкурсии якум — яшм, дуюм — ёқути кабуд, сеюм — ақиқи сӯхта,
чорум — зумуррад,+
[20] Панҷум — ақиқи гулобӣ, шашум — ақиқ, ҳафтум — забарҷад,
ҳаштум — берил, нӯҳум — ёқути зард, даҳум — ақиқи сабз, ёздаҳум —
гиацинт, дувоздаҳум — нилум.
[21] Ва дувоздаҳ дарвоза — дувоздаҳ марворид: ҳар дарвоза аз як
марворид буд. Ва кӯчаи шаҳр — зари ҳолис, монанди шишаи
шаффоф.
[22] Ва дар шаҳр маъбаде надидам; зеро ки Худованд Худои Қодири
Мутлақ маъбади вай аст, ҳамчунин Барра+.
[23] Ва шаҳр эҳтиёҷ надорад, ки офтоб ва моҳтоб онро равшан
кунанд, зеро ки ҷалоли Худо онро равшан кардааст, ва чароғи он
Барра аст+.
[24] Ва ҳалқҳои ҷаҳон дар рӯшноии вай роҳ ҳоҳанд рафт, ва
подшоҳони замин ҷалол ва шавкати худро ба вай ҳоҳанд овард+.
[25] Ва дарвозаҳои шаҳр рӯзона баста нахоҳад шуд, зеро ки дар он ҷо
шаб нахоҳад буд;+
[26] Ва ҷалол ва шавкати ҳалқҳоро ба вай ҳоҳанд овард;
[27] Ва ҳеҷ палиде, ва ҳеҷ каси зишткор ва дурӯғгӯй вориди он
нахоҳад шуд, балки фақат онҳое ки дар дафтари ҳаёти Барра навишта
шудаанд+.

## Дарьёи покизаи Худо ва дарахти ҳаёт.

**22** [1] Ва дарьёи покизаи оби ҳаётро ба ман нишон дод, ки мисли
булӯр дурахшон буда, аз ҷониби тахти Худо ва Барра ҷорӣ
мешуд+.
[2] Дар миёнаи кӯчаи шаҳр, дар ҳар ду канори дарьё, дарахти ҳаёт
аст, ки дувоздаҳ мева меоварад, яъне ҳар моҳ меваи худро медиҳад;
ва баргҳои дарахт барои муолиҷаи халқҳост+.
[3] Ва ҳеҷ лаънатшудае дигар нахоҳад буд; ва тахти Худо ва Барра
дар вай хоҳад буд, ва бандагони Ӯ ба Ӯ хизмат хоҳанд кард,
[4] Ва рӯи Ӯро хоҳанд дид, ва исми Ӯ бар пешониҳошон хоҳад буд+.
[5] Ва шаб дигар нахоҳад буд, ва онҳо ба чароғ ва рӯшноии офтоб
эҳтиёҷ нахоҳанд дошт, зеро ки Худованд Худо ба онҳо рӯшноӣ
мебахшад; ва то абад салтанат хоҳанд ронд+.

## Хотимаи китоб.

## Инак, ба зудӣ меоям.

[6] Ва ба ман гуфт: «Ин суханон ҳақ асту рост»; ва Худованд Худои
анбиёи муқаддас фариштаи Худро фиристод, то он чиро, ки бояд ба
қарибӣ ба вуқӯъ ояд, ба бандагони Худ нишон диҳад+.
[7] «Инак, ба зудӣ меоям. Хушо касе ки суханони нубуввати ин
китобро риоят мекунад»+.
[8] Ва ман, Юҳанно, инро дидам ва шунидам. Ва ҳангоме ки
шунидам ва дидам, бар пойҳои фариштае ки инро ба ман нишон дод,
афтодам, то ки ба ӯ таъзим кунам+.
[9] Лекин ӯ ба ман гуфт: «Зинҳор, чунин накун; зеро ки ман бо ту, ва
бо бародаронат — анбиё, ва бо онҳое ки суханони ин китобро риоят
мекунанд, ҳамкор ҳастам; ба Худо таъзим намо».
[10] Ва ба ман гуфт: «Суханони нубуввати ин китобро мӯҳр накун;
зеро ки вақт наздик аст+.
[11] Бигзор золим боз зулм кунад, ва палид боз худро палид созад, ва
одил боз адолат варзад, ва муқаддас боз худро тақдис намояд+.
[12] Инак, ба зудӣ меоям, ва мукофоти Ман бо Ман аст, то ки ҳар
касро мувофиқи аъмолаш сазо диҳам+.
[13] Ман Алфа ва Омега, ибтидо ва интиҳо, Аввалин ва Охирин
ҳастам»+.

14 Хушо онҳое ки аҳкоми Ӯро риоят мекунанд, то ки ба дарахти
ҳаёт хуқуқдор шаванд ва ба дарвозаи шаҳр дароянд+.
15 Вале сагон, ва ҷодугарон, ва зинокорон, ва қотилон, ва
бутпарастон, ва ҳар касе ки дурӯғро дӯст медорад ва ба амал
меоварад, — берун аз он хоҳанд буд+.
16 «Ман, Исо, фариштаи Худро фиристодаам, то ки дар калисоҳо ба
шумо шаҳодат диҳад. Ман реша ва насли Довуд, ситораи дурахшони
субҳ ҳастам»+.
17 Ва Рӯҳ ва арӯс мегӯянд: «Биё!» Ва ҳар кӣ мешунавад, бигӯяд:
«Биё!» Бигзор ташна биёяд, ва ҳар кӣ бихоҳад, оби ҳаётро муфт
бигирад+.
18 Ман низ ба ҳар касе ки суханони нубуввати ин китобро
мешунавад, шаҳодат медиҳам: агар касе ба онҳо чизе илова намояд,
Худо ба ӯ балоҳое илова хоҳад кард, ки дар бораи онҳо дар ин китоб
навишта шудааст+.
19 Ва агар касе аз суханони ин китоби нубувват чизе кам кунад,
Худо насиби ӯро аз дарахти ҳаёт ва аз шаҳри муқаддас ва аз ҳар чизе
ки дар ин китоб навишта шудааст, кам хоҳад кард.
20 Шаҳодатдиҳандаи ин мегӯяд: «Оре, ба зудӣ меоям!» Омин. Оре,
биё, эй Исои Худованд!+
21 Файзи Худованди мо Исои Масеҳ бо ҳамаи шумо бод. Омин.

---

* 1:8 **Алфа ва Омега** — ҳарфҳои аввалин ва охирини алифбои юнонӣ.

* 9:16 Яъне дусад миллион нафар.

---

+ 1:1 Ваҳй 22:6

+ 1:2 Юҳ. 19:35

+ 1:3 Ваҳй 22:7, Ваҳй 22:10

+ 1:4 Хур. 3:14, Ваҳй 3:1, Ваҳй 4:5, Ваҳй 5:6, Юҳ. 3:11, 1 Тим. 6:13, Аъм. 26:23, 1 Қўр. 15:20, Қўл. 1:18, 1 Пет. 1:18-19

+ 1:6 Хур. 19:6, 1 Пет. 2:9, Ваҳй 5:10, Ваҳй 20:6, 1 Пет. 4:11, Яҳ. 1:24-25, Ваҳй 5:13

+ 1:7 Дон. 7:13, Зак. 12:10

+ 1:9 Марқ. 10:39

+ 1:10 Ҳиз. 1:3, Ваҳй 4:2

+ 1:12 Хур. 25:1, Хур. 25:37, Зак. 4:2

+ 1:13 Дон. 7:13, Дон. 10:5-6, Ваҳй 15:6

+ 1:14 Дон. 7:9, Ваҳй 2:18, Ваҳй 19:12

+ 1:15 Ҳиз. 1:7, Дон. 10:6, Ҳиз. 1:24, Ҳиз. 43:2

+ 1:16 Иш. 49:2, Ибр. 4:12, Ваҳй 19:15, Дон. 8:17, Дон. 10:9, Мат. 17:2

+ 1:17 Мат. 28:4, Иш. 41:4, Иш. 44:6, Иш. 48:12, Ваҳй 2:8, Ваҳй 22:13

+ 1:18 Рум. 6:9, Рум. 14:9, Ваҳй 9:1, Ваҳй 20:1

+ 2:1 Ваҳй 1:13, Ваҳй 1:16

+ 2:2 2 Қўр. 11:13, 1 Юҳ. 4:1

+ 2:4 Ирм. 2:2

+ 2:7 Мат. 11:15, Марқ. 4:9, Луқ. 8:8, Ваҳй 3:6, Ваҳй 3:13, Ваҳй 3:22, Ваҳй 13:9, Ваҳй 3:5, Ваҳй 21:7, Луқ. 23:43, 2 Қӯр. 12:4, Ҳас. 2:9, Ҳас. 3:22, Ҳиз. 28:13, Ваҳй 22:2

+ 2:8 Ваҳй 1:17-18

+ 2:9 Яъқ. 2:5, 2 Қӯр. 8:9, Ваҳй 3:9

+ 2:10 Ваҳй 12:11, Яъқ. 1:12, Ваҳй 3:11

+ 2:11 Ваҳй 2:7, Ваҳй 20:6, Ваҳй 21:8

+ 2:12 Ваҳй 1:16

+ 2:14 Ад. 22:5, Ад. 25:1-2, Ад. 31:16, 2 Пет. 2:15, Аъм. 15:29, 1 Қӯр. 8:10, 1 Қӯр. 10:19

+ 2:15 Ваҳй 2:6

+ 2:16 Иш. 11:4, 2 Тас. 2:8

+ 2:17 Ваҳй 2:7, Хур. 16:31, Юҳ. 6:48-50, Иш. 62:2, Иш. 65:15, Ваҳй 3:12, Ваҳй 19:12

+ 2:18 Ваҳй 1:14-15

+ 2:20 3 Подш. 16:31, 3 Подш. 21:25, Ваҳй 2:14

+ 2:21 2 Пет. 3:9, 2 Пет. 3:15

+ 2:23 1 Подш. 16:7, Ирм. 11:20, Ирм. 20:12, Мат. 16:27

+ 2:25 Ваҳй 3:11

+ 2:26 Заб. 2:9, Ваҳй 12:5, Ваҳй 19:15, Ад. 24:17, Ваҳй 22:16

+ 2:29 Ваҳй 2:7

+ 3:1 Ваҳй 1:4-5, Ваҳй 1:16, Рум. 1:15, Эфс. 2:1, Эфс. 2:5, Қӯл. 2:13, 1 Тим. 5:6

+ 3:3 Мат. 24:43-44, 2 Пет. 3:10, 1 Тас. 5:2, Ваҳй 16:15

+ 3:4 Яҳ. 1:23, Ваҳй 6:11, Ваҳй 7:9, Мат. 10:11, Мат. 22:8, Аъм. 13:46

+ 3:5 Ваҳй 2:7, Ваҳй 21:7, Хур. 32:32, Заб. 55:9, Заб. 68:29, Мал. 3:16, Луқ. 10:19, Мат. 10:32

+ 3:6 Ваҳй 2:7

+ 3:7 Иш. 22:22, Айюб 12:14

+ 3:9 Ваҳй 2:9

+ 3:10 2 Пет. 2:9, 1 Қӯр. 10:13

+ 3:11 Ваҳй 22:7, Ваҳй 22:12, Ваҳй 22:20, Ваҳй 2:25

+ 3:12 Ваҳй 2:7, 3 Подш. 7:21, Заб. 22:6, Ҳиз. 48:35, Иш. 62:2, Ваҳй 2:17

+ 3:13 Ваҳй 2:7

+ 3:14 Мас. 8:22, Қӯл. 1:15, Қӯл. 1:18, 1 Қӯр. 14:16, 2 Қӯр. 1:20

+ 3:17 Ҳуш. 12:8, Зак. 11:5, 1 Қӯр. 4:8, Юҳ. 9:39-41

+ 3:18 Ваҳй 16:15

+ 3:19 Мас. 3:12, Ибр. 12:5-6

+ 3:20 Луқ. 12:36, Юҳ. 14:23

+ 3:21 Юҳ. 16:33, Заб. 109:1, Марқ. 16:19, Мат. 19:28, Луқ. 22:30

+ 3:22 Ваҳй 2:7

+ 4:1 Ваҳй 1:10

+ 4:2 Ҳиз. 1:3, Ваҳй 1:10, 3 Подш. 22:19, Иш. 6:1, Дон. 7:9

+ 4:3 Ҳиз. 1:28

+ 4:4 Ваҳй 3:4

+ 4:5 Ваҳй 8:5, Ваҳй 11:19, Ваҳй 16:18, Ваҳй 1:4-5, Зак. 4:2

+ 4:6 Ҳиз. 1:22, Ваҳй 15:2, Ҳиз. 1:5, Ҳиз. 1:18, Ҳиз. 10:12

+ 4:7 Ҳиз. 1:10

+ 4:8 Иш. 6:2, Ҳиз. 1:11, Иш. 6:3

+ 4:11 Ваҳй 5:12, Заб. 32:9-11

+ 5:1 Ҳиз. 2:9-10, Иш. 8:16, Иш. 29:11, Дон. 12:4, Ваҳй 10:4, Ваҳй 22:10

+ 5:5 Иш. 11:10, Ваҳй 22:16, Ҳас. 49:9

+ 5:6 Иш. 53:7, Юҳ. 1:29, Юҳ. 1:36, 1 Пет. 1:19, Аъм. 8:32-33, Зак. 3:9, Зак. 4:10, Ваҳй 1:4-5

+ 5:8 Заб. 140:2, Ваҳй 8:3-4

+ 5:9 Заб. 32:3, Ваҳй 14:3, Ваҳй 7:9, Ваҳй 11:9, Ваҳй 14:6, Ваҳй 14:3-4

+ 5:10 Хур. 19:6, 1 Пет. 2:9, Ваҳй 1:6

+ 5:11 Дон. 7:10, Луқ. 2:13

+ 5:12 Ваҳй 4:11

+ 5:13 Заб. 144:16, Заб. 150:6, 1 Пет. 4:11, Яҳ. 1:24-25, Ваҳй 1:6, Ваҳй 7:12

+ 5:14 Ваҳй 4:10

+ 6:1 Ваҳй 5:1, Ваҳй 4:7, Ваҳй 14:2, Ваҳй 19:6

+ 6:2 Зак. 1:8-10, Зак. 6:1-4

+ 6:4 Зак. 1:8, Зак. 6:2, Марқ. 13:8

+ 6:6 Ваҳй 7:3

+ 6:8 Иб. 26:22, Так. Шар. 32:24, Ҳиз. 5:17, Ҳиз. 14:21

+ 6:9 Ваҳй 20:4

+ 6:10 Так. Шар. 32:43, Заб. 78:10, Заб. 93:3, Заб. 118:84, Луқ. 18:7, 2 Тас. 1:6, Ваҳй 19:2

+ 6:11 Ваҳй 3:4

+ 6:12 Марқ. 13:8, Ваҳй 11:13, Иш. 50:3, Юил 2:30

+ 6:13 Иш. 34:4

+ 6:14 Ваҳй 16:20

+ 6:15 Иш. 2:10, Иш. 2:19

+ 6:16 Ҳуш. 10:8, Луқ. 23:30

+ 6:17 Заб. 75:8, Ирм. 30:7, Юил 2:11, Мал. 3:2

+ 7:1 Ирм. 49:36, Дон. 7:2

+ 7:3 Ҳиз. 9:4, Ваҳй 14:1, Ваҳй 22:4

+ 7:9 Ваҳй 3:4

+ 7:10 Ваҳй 12:10, Ваҳй 19:1

+ 7:11 Ваҳй 4:6

+ 7:12 Ваҳй 5:13-14

+ 7:14 Мат. 24:21, Зак. 3:4, Ибр. 9:14, Ваҳй 19:8, Ваҳй 22:14

+ 7:16 Заб. 120:6, Иш. 49:10

+ 7:17 2 Подш. 5:2, Заб. 22:1, Юҳ. 10:11, Иш. 25:8, Ваҳй 21:4

+ 8:1 Ваҳй 5:1

+ 8:2 Мат. 18:10-11

+ 8:3 Ом. 9:1, Хур. 30:7, Ад. 16:46, Заб. 140:2, Ваҳй 5:8

+ 8:4 Аъм. 10:4

+ 8:5 Иб. 16:12, Ҳиз. 10:2, Ваҳй 4:5

+ 8:7 Хур. 9:23-24, Ҳиз. 38:22, Юил 2:30, Ом. 7:4

+ 8:8 Ирм. 51:25, Хур. 7:17, Хур. 7:19, Ваҳй 11:6

+ 8:9 Иш. 2:16

+ 8:10 Иш. 14:12, Ваҳй 9:1

+ 8:11 Ирм. 9:15, Ирм. 23:15

+ 8:12 Хур. 10:21-23, Иш. 13:10, Юил 2:10, Юил 3:15

+ 9:1 Иш. 14:12, Луқ. 10:18, Ваҳй 8:10, Ваҳй 12:8-9, Ваҳй 1:18

+ 9:3 Хур. 10:4

+ 9:4 Ваҳй 7:2-4

+ 9:6 Айюб 3:21, Ирм. 8:3

+ 9:7 Юил 2:4, Дон. 7:8

+ 9:8 Юил 1:6

+ 9:9 Юил 2:5

+ 9:12 Ваҳй 11:14

+ 9:13 Хур. 27:2, Хур. 30:2

+ 9:14 Ваҳй 16:12

+ 9:15 Зак. 13:8

+ 9:20 1 Қӯр. 10:20, Заб. 134:15-18, Дон. 5:23

+ 9:21 Ваҳй 21:8, Ваҳй 22:15

+ 10:1 Ҳиз. 1:28, Ваҳй 4:3, Ваҳй 1:15-16

+ 10:2 Ҳиз. 2:9

+ 10:3 Юил 3:16, Ом. 1:2

+ 10:4 Иш. 8:16, Иш. 29:11, Дон. 8:26, Дон. 12:4, Ваҳй 5:1, Ваҳй 22:10

+ 10:7 Ваҳй 11:15

+ 10:9 Заб. 118:103, Ирм. 15:16, Ҳиз. 3:1-3

+ 11:1 Ҳиз. 40:3, Ваҳй 21:15

+ 11:2 Ҳиз. 40:17, Лук. 21:24, Ваҳй 12:6, Ваҳй 13:5

+ 11:4 Зак. 4:2-3, Зак. 4:11, Зак. 4:14

+ 11:5 4 Подш. 1:10, Ирм. 5:14

+ 11:6 3 Подш. 17:1, Хур. 7:17, Хур. 7:19, Ваҳй 8:8

+ 11:7 Ваҳй 9:1, Дон. 7:21, Дон. 8:24

+ 11:8 Иш. 1:10, Иш. 3:9

+ 11:9 Заб. 78:2-3

+ 11:11 Ҳас. 2:7, Ҳиз. 37:10

+ 11:12 Ваҳй 4:1, 1 Тас. 4:17

+ 11:13 Ваҳй 6:12

+ 11:14 Ваҳй 8:13, Ваҳй 9:12

+ 11:15 Иш. 27:12, Мат. 24:31, Ваҳй 10:7, Хур. 15:18, Дон. 7:14, Дон. 7:27, Уб. 1:21, Зак. 14:9, Лук. 1:33, 1 Қӯр. 15:24

+ 11:16 Ваҳй 4:4

+ 11:17 Ваҳй 1:4, Ваҳй 16:5

+ 11:18 Заб. 2:1, Ваҳй 20:12

+ 11:19 Ваҳй 15:5, Хур. 9:23, Ех. 10:11, Ваҳй 16:21

+ 12:1 Ҳас. 37:9

+ 12:3 Дон. 7:7, Ваҳй 13:1, Ваҳй 17:3, Ваҳй 17:12

+ 12:4 Дон. 8:10

+ 12:5 Заб. 2:9, Ваҳй 2:27, Ваҳй 19:15

+ 12:6 Ваҳй 11:3, Ваҳй 13:5

+ 12:7 Дон. 10:13, Дон. 12:1, Ях. 1:9

+ 12:9 1 Вақ. 21:1, Айюб 1:6, Зак. 3:1, Ҳас. 3:1, Ваҳй 20:2, Луқ. 10:18, Юҳ. 12:31

+ 12:10 Айюб 1:9-11, Айюб 2:4-5, Зак. 3:1

+ 12:11 Ваҳй 15:2, Луқ. 14:26, Юҳ. 12:25, Ваҳй 2:10

+ 12:12 Заб. 95:11, Иш. 44:23, Иш. 49:13

+ 12:14 Хур. 19:4, Так. Шар. 32:11, Дон. 7:25, Ваҳй 13:5

+ 12:17 Ҳас. 3:15

+ 13:1 Дон. 7:3, Ваҳй 12:3

+ 13:2 Дон. 7:4-6, Луқ. 4:6

+ 13:5 Дон. 7:8, Дон. 11:36, Дон. 7:25, Ваҳй 11:2, Ваҳй 12:6

+ 13:7 Дон. 7:21, Дон. 8:24, Ваҳй 11:7, Ваҳй 12:17

+ 13:8 Ваҳй 3:5

+ 13:9 Ваҳй 2:7

+ 13:10 Ирм. 15:2, Ирм. 43:11, Ваҳй 14:12

+ 13:13 Так. Шар. 13:1-3, Марқ. 13:22, Ваҳй 16:13, Ваҳй 19:20, 4 Подш. 1:10, Луқ. 9:54

+ 13:14 Мат. 24:24, Марқ. 13:22, 2 Тас. 2:9

+ 13:15 Дон. 3:6

+ 14:1 Заб. 2:6, Заб. 9:12, Ибр. 12:22, Ваҳй 3:12, Ваҳй 7:3-4

+ 14:2 Ҳиз. 1:24, Ҳиз. 43:2, Ваҳй 1:15, Ваҳй 6:1

+ 14:3 Заб. 32:3, Ваҳй 5:9

+ 14:4 2 Қўр. 11:2, Ирм. 2:3, Яък. 1:18, 2 Тас. 2:13

+ 14:5 Саф. 3:13

+ 14:8 Иш. 21:9, Ирм. 51:8, Ваҳй 18:2

+ 14:9 Ваҳй 13:15

+ 14:10 Заб. 74:8, Иш. 51:17, Ирм. 25:15, Уб. 1:16, Зак. 12:2, Ваҳй 14:10, Ваҳй 20:10

+ 14:11 Иш. 34:10

+ 14:12 Ваҳй 13:10

+ 14:13 Ваҳй 20:6

+ 14:14 Дон. 7:13, Дон. 10:5-6, Ваҳй 1:13

+ 14:15 Юил 3:13, Марқ. 4:29

+ 14:16 Ирм. 51:33

+ 14:19 Иш. 63:3, Юил 3:13, Ваҳй 19:15

+ 15:1 Ваҳй 16:1, Ваҳй 17:1, Ваҳй 21:9

+ 15:2 Ваҳй 4:6, Ваҳй 12:11, Ваҳй 13:17

+ 15:3 Хур. 15:1, Так. Шар. 31:30, Заб. 91:6

+ 15:4 Ирм. 10:7, Заб. 85:9

+ 15:5 Хур. 38:21, Ваҳй 11:19

+ 15:6 Ваҳй 1:13

+ 15:7 Ваҳй 4:6

+ 15:8 Хур. 40:34-35, 3 Подш. 8:10-11, Иш. 6:4

+ 16:1 Ваҳй 15:1, Заб. 78:6, Ирм. 10:25

+ 16:2 Ваҳй 13:16, Хур. 9:9-11

+ 16:3 Ваҳй 8:8-9

+ 16:4 Хур. 7:17-20

+ 16:5 Ваҳй 1:4, Ваҳй 11:17, Ирм. 12:1

+ 16:6 Мат. 23:35, Ваҳй 18:24, Иш. 49:26

+ 16:7 Ваҳй 6:9

+ 16:9 Дон. 5:23, Аъм. 12:23

+ 16:10 Ваҳй 13:2, Хур. 10:21-22

+ 16:12 Ваҳй 9:14, Иш. 11:15, Иш. 44:27

+ 16:13 Ваҳй 12:3, Ваҳй 13:11

+ 16:14 Марқ. 13:22, Ваҳй 13:13

+ 16:15 Мат. 24:43-44, 2 Пет. 3:10, 1 Тас. 5:2, Ваҳй 3:3, Ваҳй 3:18

+ 16:18 Ҳиз. 38:19, Ом. 1:1, Ҳаҷ. 2:6, Дон. 12:1, Марқ. 13:19

+ 16:19 Ваҳй 14:10

+ 16:20 Ваҳй 6:14

+ 16:21 Хур. 9:23-25, Ех. 10:11, Иш. 30:30, Ваҳй 11:19

+ 17:1 Ваҳй 15:1, Ваҳй 21:9, Ирм. 51:13, Наҳум 3:4

+ 17:2 Иш. 23:17, Наҳум 3:4, Ирм. 51:7, Ваҳй 14:8

+ 17:3 Ҳиз. 37:1, Ваҳй 12:3

+ 17:6 Ваҳй 16:6

+ 17:8 Ваҳй 9:1, Ваҳй 11:7

+ 17:12 Дон. 7:7, Дон. 7:24, Ваҳй 12:3

+ 17:14 Так. Шар. 10:17, 1 Тим. 6:15, Ваҳй 19:16, Эзр. 7:12, Ҳиз. 26:7, Дон. 2:37

+ 17:16 Ҳиз. 28:18, Ваҳй 18:8

+ 18:1 Ҳиз. 43:2

+ 18:2 Иш. 21:9, Ваҳй 14:8, Иш. 13:21, Иш. 34:11, Иш. 34:14

+ 18:3 Наҳум 3:4, Ваҳй 17:2, Ҳиз. 27:33

+ 18:4 Иш. 48:20, Ирм. 50:8, Ирм. 51:45

+ 18:5 2 Вак. 28:9, Эзр. 9:6, Ирм. 51:9, Юн. 1:2

+ 18:6 Заб. 136:8, Ирм. 50:15, Ирм. 16:18

+ 18:7 Иш. 47:7

+ 18:8 Ҳиз. 28:18, Ваҳй 17:16

+ 18:9 Ирм. 51:8

+ 18:17 Ҳиз. 27:28-29

+ 18:18 Ҳиз. 27:32

+ 18:19 Ҳиз. 27:30

+ 18:20 Ирм. 51:48

+ 18:21 Ирм. 51:63-64

+ 18:22 Иш. 14:11, Иш. 24:8, Ҳиз. 26:13

+ 18:23 Ирм. 7:34, Ирм. 16:9, Наҳум 3:4

+ 18:24 Мат. 23:35, Ваҳй 16:6, Ваҳй 17:6

+ 19:1 Заб. 61:12, Ваҳй 7:10

+ 19:2 Так. Шар. 32:43, 4 Подш. 9:7, Ваҳй 6:10

+ 19:3 Иш. 34:10, Ваҳй 14:11, Ваҳй 18:9

+ 19:4 Ваҳй 4:4

+ 19:5 Заб. 133:1, Заб. 134:1

+ 19:6 Ҳиз. 1:24, Ваҳй 1:15, Ваҳй 6:1, Заб. 92:1

+ 19:7 Мат. 22:2, Мат. 25:10, Ваҳй 21:2

+ 19:8 Иш. 61:10, Зак. 3:4, Ваҳй 7:14

+ 19:10 Аъм. 10:25-26, Ваҳй 22:8-9

+ 19:11 Ҳиз. 1:1

+ 19:12 Ваҳй 1:14, Ваҳй 2:17

+ 19:13 Юҳ. 1:1

+ 19:15 Иш. 49:2, Ваҳй 1:16, Заб. 2:9, Ваҳй 2:27, Ваҳй 12:5, Иш. 63:3, Юил 3:13, Ваҳй 14:19-20

+ 19:16 Так. Шар. 10:17

+ 19:17 Ирм. 12:9, Ҳиз. 39:17-20

+ 19:18 Ҳиз. 39:18-20

+ 19:19 Ваҳй 16:16

+ 19:20 Ваҳй 13:11-15, Ваҳй 16:13, Дон. 7:11-12

+ 19:21 Иш. 49:2, Ваҳй 1:16

+ 20:1 Ваҳй 9:1

+ 20:2 Ҳас. 3:1, Ваҳй 12:9

+ 20:3 Заб. 54:24, Дон. 6:17

+ 20:4 Дон. 7:9, Мат. 19:28, Ваҳй 6:9, Ваҳй 13:12-16, Дон. 7:18

+ 20:6 Ваҳй 2:11, Ваҳй 14:13, Ваҳй 21:8, Хур. 19:6, Ваҳй 1:6

+ 20:8 Ҳиз. 38:2, Ҳиз. 39:1, Ваҳй 16:14

+ 20:9 4 Подш. 1:10, Ҳиз. 38:22, Ҳиз. 39:6, Ваҳй 11:5

+ 20:10 Ваҳй 19:20

+ 20:11 Заб. 101:27

+ 20:12 Хур. 32:32, Хур. 32:33, Дон. 7:10, Дон. 12:1, Мат. 16:27

+ 20:13 Аъм. 24:15

+ 20:15 Мат. 13:42, Мат. 13:50

+ 21:1 Иш. 65:17, Иш. 66:22, 2 Пет. 3:13, Ваҳй 20:11

+ 21:2 Ғал. 4:26, Ибр. 12:22, Иш. 61:10, Ваҳй 19:7

+ 21:3 Иб. 26:11-12, Ҳиз. 37:27

+ 21:4 Иш. 25:8, Иш. 65:19, Ваҳй 7:17, Иш. 35:10, Иш. 43:18, Иш. 51:11

+ 21:5 Иш. 43:19, 2 Қӯр. 5:17

+ 21:6 Иш. 44:6, Иш. 48:12, Ваҳй 1:6, Ваҳй 22:13, Иш. 55:1, Юҳ. 4:10, Юҳ. 7:37

+ 21:7 Ваҳй 2:7, Ваҳй 3:5, Мат. 25:34, 2 Подш. 7:14, 2 Қӯр. 6:18

+ 21:8 1 Қӯр. 6:9-10, Ғал. 5:19-21, Ваҳй 22:15, Иш. 66:24, Ваҳй 2:11, Ваҳй 20:6

+ 21:9 Ваҳй 15:1, Ваҳй 17:1

+ 21:10 Ҳиз. 40:2, Ваҳй 17:3

+ 21:11 Хур. 40:34

+ 21:13 Ҳиз. 48:30-34

+ 21:14 Эфс. 2:20

+ 21:15 Ҳиз. 40:3, Ваҳй 11:1

+ 21:16 Ҳиз. 48:16

+ 21:19 Хур. 28:17-20, Иш. 54:11-12, Ҳиз. 28:13

+ 21:22 Иш. 8:14, Ҳиз. 11:16

+ 21:23 Иш. 60:19-20, Ваҳй 22:5

+ 21:24 Иш. 60:3

+ 21:25 Иш. 60:11, Зак. 14:7

+ 21:27 Иш. 35:8, Иш. 52:1, Юил 3:17, Наҳум 1:15, Заб. 117:20

+ 22:1 Ҳиз. 47:1, Зак. 14:8

+ 22:2 Ҳас. 2:9, Ҳас. 3:22, Ҳиз. 47:7, Ҳиз. 47:12, Ваҳй 2:7

+ 22:4 Айюб 19:26, Заб. 16:15, Мат. 5:8, 1 Юҳ. 3:2, Ибр. 12:14, Ваҳй 7:3-4

+ 22:5 Заб. 35:10, Иш. 60:19-20, Ваҳй 21:23

+ 22:6 Ваҳй 1:1

+ 22:7 Ваҳй 3:11, Ваҳй 1:3

+ 22:8 Ваҳй 19:10

+ 22:10 Дон. 12:4, Ваҳй 10:4, Ваҳй 1:3

+ 22:11 Дон. 12:10, 2 Тим. 3:13

+ 22:12 Иш. 40:10, Иш. 62:11, Мат. 16:27

+ 22:13 Иш. 44:6, Иш. 48:12, Ваҳй 1:8, Ваҳй 21:6

+ 22:14 Ваҳй 7:14

+ 22:15 Мас. 12:22, 1 Қўр. 6:9-10, Ғал. 5:19-21, Ваҳй 21:8

+ 22:16 Иш. 11:10, Ваҳй 5:5, Ад. 24:17, Ваҳй 2:26

+ 22:17 Ваҳй 21:2, Ваҳй 21:9, Иш. 55:1, Юҳ. 7:37, Ваҳй 21:6

+ 22:18 Так. Шар. 4:2, Так. Шар. 12:32, Мас. 30:6

+ 22:20 1 Қӯр. 16:22